РУССКО-ТАДЖИКСКИЙ СЛОВАРЬ

ЛУҒАТИ РУСӢ-ТОҶИКӢ

АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР
ИНСТИТУТ ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ имени РУДАКИ

РУССКО-ТАДЖИКСКИЙ СЛОВАРЬ

свыше 72 000 слов

Под редакцией
члена-корреспондента АН СССР
М. С. АСИМОВА

МОСКВА
«РУССКИЙ ЯЗЫК»
1985

ПОСВЯЩАЕТСЯ ШЕСТИДЕСЯТИЛЕТИЮ
ТАДЖИКСКОЙ
СОВЕТСКОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ
РЕСПУБЛИКИ

БА ШАСТСОЛАГИИ
РЕСПУБЛИКАИ СОВЕТИИ
СОЦИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИДА МЕШАВАД

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи РӮДАКӢ

ЛУҒАТИ РУСӢ-ТОҶИКӢ

зиёдтар аз 72 000 калима

зери таҳрири
аъзо-корреспонденти АФ СССР
М. С. ОСИМӢ

МОСКВА
«РУССКИЙ ЯЗЫК»
1985

ББК 81.2-4
Р 89

Дар коргохи сомонаи zarowadk.ru бозсозӣ шуд.

Редакционная коллегия:
С. Д. АРЗУМАНОВ, М. С. АСИМОВ (председатель), Х. А. АХРОРИ, В. А. КАПРАНОВ, А. М. МАНИЯЗОВ, С. САЛИХОВ, Б. ТИЛАВОВ, Н. ХОЛМУХАММЕДОВ

Авторы:
С. Д. АРЗУМАНОВ, Х. А. АХРОРИ, М. БЕГБУДИ, Н. БЕГБУДИ, Ф. Б. БРАУДЕ, Н. Н. ЕРШОВ, Я. И. КАЛОНТАРОВ, Ш. САБИРОВ, М. УСМАНОВ, С. У. УСМАНОВА, А. Х. ХАЛИЛОВ, Р. М. ХАШИМОВ, Ш. Х. ХИСОМОВ

Рецензенты:
Сектор иранских языков Института языкознания АН СССР, д-р филол. наук В. С. Расторгуева, канд. филол. наук А. А. Керимова

Ҳайати таҳририя:
С. Ҷ. АРЗУМАНОВ, Ҳ. А. АҲРОРӢ, В. А. КАПРАНОВ, А. М. МАНИЁЗОВ, М. С. ОСИМӢ (раис), С. СОЛЕҲОВ, Б. ТИЛАВОВ, Н. ХОЛМУҲАММАДОВ

Муаллифон:
С. Ҷ. АРЗУМАНОВ, Ҳ. А. АҲРОРӢ, М. БЕҲБУДӢ, Н. БЕҲБУДӢ, Ф. Б. БРАУДЕ, Н. Н. ЕРШОВ, Я. И. ҚАЛОНТАРОВ, Ш. СОБИРОВ, М. УСМОНОВ, С. У. УСМОНОВА, А. Х. ХАЛИЛОВ, Ш. Ҳ. ҲИСОМОВ, Р. М. ҲОШИМОВ

Тақризнависҳо:
Шӯъбаи забонҳои эронии Институти забоншиносии АФ СССР, доктори илми филология В. С. Расторгуева, номзади илми филология А. О. Каримова

Р 89 **Русско-таджикский словарь**: Свыше 72 000 слов / С. Д. Арзуманов, Х. А. Ахрори, М. Бегбуди и др.; Под ред. М. С. Асимова.— М.: Рус. яз., 1985.—1 280 с.
В надзаг.: АН ТаджССР, Ин-т яз. и лит. им. Рудаки.

Словарь содержит свыше 72 тыс. слов современного русского литературного языка, словосочетании, идиоматику, пословицы и поговорки. В словаре отражена многозначность русского слова, показано его употребление; широко представлена общеупотребительная специальная терминология, а также устаревшие слова и выражения, встречающиеся в русской классической литературе. Словарь рассчитан как на специалистов-филологов, переводчиков, работников печати, радио и телевидения, так и на широкий круг читателей.

Р $\frac{4602020000\text{-}112}{015(01)\text{-}85}$ 149-84 81.2-4

© Издательство «Русский язык», 1985

ОТ ИЗДАТЕЛЬСТВА

В нашей многонациональной стране русский язык стал языком межнационального общения и сотрудничества всех народов Советского Союза. Владение русским языком содействует приобщению каждой нации и народности к достижениям советской и мировой культуры. Плодотворному изучению русского языка во многом способствует создание национально-русских и русско-национальных словарей.

Выпускаемый издательством Русско-таджикский словарь является новым шагом в таджикской лексикографии. Словарь составлялся и редактировался коллективом сотрудников Института языка и литературы им. Рудаки АН Таджикской ССР в течение длительного времени. Это первое наиболее полное издание, призванное удовлетворить назревшую потребность читателей в словаре, охватывающем общеупотребительную лексику современного русского литературного языка.

Настоящий Русско-таджикский словарь содержит свыше 72 тыс. слов. В него вошла основная лексика современного русского языка, фразеология, идиоматика, а также широкоупотребительная специальная терминология. В Словаре представлена часть устаревшей лексики русского языка от Пушкина до наших дней, знание которой необходимо при чтении произведений классической художественной литературы. Заглавные слова снабжены грамматическими пометами. В необходимых случаях даются стилистические и отраслевые пометы, указывающие область употребления слова.

Для раскрытия значений русского заглавного слова приводятся наиболее употребительные словосочетания, устойчивые обороты, пословицы и поговорки русского языка с переводами на таджикский язык. Словарь отражает синонимическое богатство таджикского языка.

В ряде словарных статей, помимо переводов, даны толкования энциклопедического характера на таджикском языке, облегчающие понимание того или иного слова, заимствованного из русского языка. Толкования даны к некоторым политическим, научным, философским и историческим терминам, а также к фразеологическим сочетаниям, не имеющим эквивалента в таджикском языке.

За время, прошедшее с момента начала работы над Словарем, заметно изменился словарный состав русского языка. В связи с этим словник настоящего Словаря был пересмотрен и пополнен общественно-политической и специальной терминологией. Современное толкование получили также многие слова, представленные в Словаре ранее. Уточнение значений и пополнение Словаря новыми словами проводилось по второму изданию Словаря русского языка в 4-х томах (М., «Русский язык», 1981—1984), по Словарю русского языка С. И. Ожегова (изд. 15-е, М., «Русский язык», 1984 г.), по Словарю иностранных слов (изд. 10-е, М., «Русский язык», 1983) и по Советскому Энциклопедическому Словарю (М., «Советская Энциклопедия», 1980)

При переводах были использованы Словарь таджикского языка в 2-х томах (М., «Советская Энциклопедия», 1969), Таджикская Советская Энциклопедия (Душанбе, 1979—1981).

В конце Словаря даётся Список географических названий, а также Список аббревиатур и сложносокращенных слов с расшифровкой на русском языке и переводом на таджикский.

Словарь будет полезен как для специалистов-филологов, переводчиков, журналистов, так и для широкого круга читателей — учащихся, учителей, работников культуры — для всех, кто интересуется русским языком, его живым словом и литературой.

Все замечания и пожелания по Словарю просим присылать в адрес Института: 734025, г. Душанбе, пр. Ленина, 21, Институт языка и литературы им. Рудаки АН Таджикской ССР или в адрес издательства: 103012, Москва, Старопанский пер., д. 1/5, издательство «Русский язык».

АЗ НАШРИЁТ

Дар мамлакати сермиллати мо забони русӣ воситаи муҳимми иртибот ва ҳамкории байни ҳамаи миллатҳои Иттифоқи Советӣ мебошад. Донистани забони русӣ имкон медиҳад, ки ҳар як миллату халқ бо пешрафтҳои маданни халқҳои дигари СССР ва тамаддуни ҷаҳон шиносо шавад. Ба омӯзиши судманди забони русӣ таълифу таҳияи луғатҳои миллӣ-русӣ ва русӣ-миллӣ аз ҳар ҷиҳат мусоидат мекунад.

Луғати русӣ-тоҷикӣ, ки чопи онро нашриёти «Русский язык» ба ӯҳда гирифт, муваффақияти нави луғатшиносии тоҷик мебошад. Луғатро коллективи кормандони Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АФ РСС Тоҷикистон дар муддати хеле тӯлонӣ таълиф, таҳрир ва тахия карданд. Ин Луғат нахустин нашри нисбатан мукаммалест, ки лексикаи маъмули забони адабии муосири русро дар бар кардааст ва ба талаботу эҳтиёҷоти рузафзуни хонандагон ҷавоб хоҳад дод.

Луғати нави русӣ-тоҷикӣ зиёдтар аз 72 ҳазор калимаро дар бар кардааст. Ба он лексикаи асосии забони муосири рус, таъбирҳои устувор, идиома ва истилоҳоти махсуси серистеъмол дохил шудааст. Дар Луғат инчунин як қисм аз лексикаи кӯҳнаи забони русӣ, аз Пушкин сар карда то замони мо мавҷуд аст, ки донистани он ҳангоми мутолиаи адабиёти классикии рус зарурат дорад. Моддаҳои луғавӣ бо ишороти грамматикӣ таъмин гардидаанд. Дар мавридҳои зарурӣ нисбат ба услуб ва соҳа ишораҳое, ки мақоми истифодаи калимаро таъкид мекунанд, низ оварда шудаанд.

Барои шарҳи маъниҳои моддаҳои асосии луғавӣ таркибҳои серистеъмол, ибораҳои устувор, зарбулмасал ва мақолҳои русӣ бо тарҷумаи тоҷикиашон ба кор бурда шудаанд. Дар Луғат аз ҷиҳати муродифу муодилҳои услубӣ ва образнок то ҷӣ дараҷа ғанӣ будани забони тоҷикӣ ба хубӣ инъикос ёфтааст.

Дар қисме аз моддаҳои луғавӣ ғайр аз тарҷумаҳо, тавзеҳоти тоҷикии дорои хусусияти энциклопедӣ омадааст, ки фаҳмидани маънии ин ё он калимаи аз русӣ иқтибосшударо осон мекунад.

Баъзе истилоҳоти сиёсӣ, илмӣ, фалсафӣ ва таърихӣ, инчунин таъбирҳои устувор, ки муродифи тоҷикӣ надоранд, низ маънидод шуданд.

Аз оғози кори Луғат то ба нашр ҳозир шудани он муддати муайян гузашт ва дар ин муддат ба таркиби луғавии забони русӣ тағйироте ворид шуд. Бинобар ин лозим омад, ки феҳристи калимаҳои Луғат дубора аз назари таҳқиқ гузарад ва бо истилоҳоти сиёсию иҷтимоӣ ва махсус пурратар кунонда шавад. Бисьёр калимаҳои дигари Луғат низ, ки ба мурури вақт тобишҳои нави маъноӣ пайдо кардаанд, бо тавзеҳу тафсири тоза омадаанд. Ин амалиёт боиси он гардид, ки тарҷумаи калимаю ибораҳо ва шарҳи мафҳумҳо тағйир ёбанд. Барои муайян кардани маънии луғатҳо ва дохил кардани калимаҳои тоза нашри охирини Луғати чаҳорҷилдаи забони русӣ (нашри 2-ум, М., нашриёти «Русский язык», 1981—1984), Луғати забони русии С. И. Ожегов (нашри 15-ум, М., «Русский язык», 1984), Луғати калимаҳои хориҷӣ (нашри 10-ум, М., «Русский язык», 1983) ва Луғати энциклопедии советӣ (М., «Советская энциклопедия», 1980) истифода шуданд. Ҳангоми тарҷумаи мафҳумҳои русӣ «Фарҳанги забони тоҷикӣ», дар ду ҷилд (М., «Советская энциклопедия», 1969), «Энциклопедияи Советии Тоҷик» (Душанбе, 1978—1981) мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар охири Луғат Руйхати номҳои географӣ, Руйхати аббревиатураҳо ва калимаҳои мураккаби ихтисоршуда бо шарҳи русии онҳо ва бо тарҷумаи тоҷикиашон оварда шуд.

Луғат ҳам барои мутахассисони соҳаи филология, тарҷумонҳо, журналистон, ҳам барои доираи васеи хонандагон — донишҷӯён, омузгорон, кормандони маданият, барои ҳамаи онҳое ки ба омузиши забони русӣ, ба лафзи зинда ва адабиёти рус шавқу ҳавас доранд, дастури муфид хоҳад буд.

Илтимос дорем, ки тамоми фикру мулоҳизаҳои худро доир ба ин Луғат ба адресҳои зерин фиристед: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Ленин 21, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон; 103012, Москва, тангкӯчаи Старопанский, 1/5, нашриёти «Русский язык».

ПРЕДИСЛОВИЕ

В период 11 — нач. 20 вв. таджикская лексикография развивалась в рамках единой лексикографии литературного языка фарси. Эта лексикография служила описанию лексических средств фарсиязычной литературы Средней Азии, Афганистана, Ирана, Индии. Было составлено большое количество толковых словарей-фархангов, которые послужили не только становлению и развитию норм лексики литературного языка фарси, но и явились надежной базой для составления ряда фундаментальных переводных словарей с языка фарси на другие языки, как восточные, так и европейские.

Были также составлены многочисленные двуязычные словари: арабско-фарси, тюркско-фарси, урду-фарси и др. В конце 19 и начале 20 вв. были изданы некоторые русско-персидские словари, в основном небольшого объема, которыми можно было пользоваться и в Иране и в Средней Азии. Были отдельные опыты составления собственно русско-таджикских словарей: в 1889 г. в Казани вышел из печати «Русско-персидский словарь по наречиям Туркестанского края» В. П. Наливкина, содержащий около 10 тыс. слов и выражений; в 1899 г. и в 1913 г. в Ташкенте были изданы два кратких русско-таджикских словаря (составитель Шоххайдар Хотамтоев).

В советскую эпоху таджикская лексикография вступила в новый период своего развития, в котором двуязычные русско-таджикские и таджикско-русские словари занимают весьма важное место.

Следуя бурному росту экономики, науки и культуры республики, эти словари призваны отражать развитие и обогащение лексики таджикского и русского языков в их взаимосвязи.

До настоящего Словаря в республике были изданы три русско-таджикских словаря. Первый из них, положивший, по существу, начало советской таджикской лексикографии, был издан в двух томах в 1933—1934 гг. Этот словарь был составлен коллективом под руководством выдающегося таджикского писателя и ученого Садриддина Айни и для своего времени имел большое значение. В него впервые в таджикской лексикографии было включено большое количество слов из общеразговорного таджикского языка. Однако использование в качестве основного источника русской части словаря Толкового словаря В. И. Даля обусловило и его недостатки: наличие архаизмов и устаревших значений, с одной стороны, и отсутствие фразеологии и многих нужных, актуальных слов, с другой.

Поэтому после выхода в свет четырехтомного Толкового словаря русского языка под редакцией Д. Н. Ушакова был подготовлен новый Русско-таджикский словарь, изданный в Москве в 1949 г. под редакцией А. П. Дехоти и Н. Н. Ершова. Этот словарь, содержащий 45 тыс. слов, включал новую лексику, фразеологию, а также основную научно-техническую и общественно-политическую терминологию с краткими объяснениями. В переводной части был использован опыт предыдущего словаря, а также введено много новых лексических, фразеологических и словообразовательных средств таджикского языка (например, слова с отглагольными компонентами =шавӣ, =кунӣ, =барорӣ и т. д.).

Словарь сыграл большую роль в культурной и научной жизни республики, однако в настоящее время уже стал библиографической редкостью. Кроме того, по мере постоянного развития науки, культуры, техники, всех отраслей хозяйственной жизни республики, все большее количество слов, терминов и выражений входит в русский и таджикский языки, в периодическую, научную и художественную литературу.

Для удовлетворения потребностей школ и вузов был подготовлен и издан в 1957 г. Краткий учебный русско-таджикский словарь С. Д. Арзуманова и Х. К. Каримова, переизданный в 1981 г.

Настоящий Русско-таджикский словарь рассчитан на самые различные категории читателей — от студентов и учителей школ до переводчиков и научных работников, а также на русских, изучающих таджикский язык.

Русская часть Словаря составлена на основе Толкового словаря русского языка под ред. Д. Н. Ушакова, Словаря русского языка С. И. Ожегова, Словаря русского языка АН СССР в 4-х томах и Словаря современного русского литературного языка АН СССР в 17-ти томах. Специальное внимание было уделено пополнению Словаря пословицами и поговорками.

Для отбора терминологии были использованы вышедшие из печати отраслевые терминологические словари — по физике, математике, философии, истории, химии, географии, ботанике, хлопководству и др., а также имеющаяся в отделе лексикологии и лексикографии картотека-роспись учебников и учебных пособий для школ, периодических изданий. Большую помощь оказал словник Таджикской Советской Энциклопедии.

Определенное количество заимствованных таджикских слов, а через него — слов из других языков (тюркских, арабского) вошли в русский язык уже давно, и многие из них уже успели устареть и перейти в разряд архаизмов. Это слова, отражающие дореволюционный общественный строй, быт и нравы, например, **казий, бай, паранджа, калым, дервиш, диван, медресе** и др. Они употребляются во многих произведениях русской художественной литературы, посвященных жизни дореволюционной Средней Азии и сопредельных стран.

В советскую эпоху в русском языке получили распространение многие десятки и даже сотни таджикских слов, среди которых немало слов, общих для всех народов Средней Азии. Это такие слова, как **устод, дехканин, чайхана, плов, пиала, сюзане,** палас и многие другие.

Эти слова широко употребляются в республиканской печати, произведениях, посвященных жизни современного Таджикистана. Они свободно вводятся в текст и вошли в состав лексики русского языка жителей Таджикистана.

В Словаре все русские слова снабжены грамматической характеристикой, как в виде помет, так и специальных пояснений. Особенно велика доля грамматической информации при предлогах, союзах, междометиях, частицах. Расширен

круг включаемых наречий и наречных сочетаний. Большое внимание уделяется подаче форм страдательного залога русских глаголов в их более четкой передаче на таджикский язык, форм мужского и женского рода имен существительных и т. д. (См. раздел «О пользовании словарем»).

Трудности лексикографической работы общеизвестны, в том числе трудности переводной двуязычной лексикографии. Несовпадение смыслового и стилистического объема большого числа слов и выражений в разных языках, а иногда и полное отсутствие тех или иных лексических единиц в другом языке ставит лексикографа в положение постоянно ищущего нужные соответствия и весьма редко удовлетворяющегося тем, что им найдено.

Отсюда неизбежным является в особо трудных случаях создание составителями и редакторами новых лексических единиц, сложных или производных слов, словосочетаний.

Особую трудность представляла терминология. Ввиду того, что в таджикской терминологии многое еще не установилось, таджикские соответствия русским терминам далеко не всегда могут рассматриваться как нечто окончательное. Наряду с установившимися, стихийно сложившимися терминами, ряд терминов был создан специалистами соответствующих областей и носит «поисковый» характер. В Словарь включались иногда два или более таких «поисковых» термина.

Все это свидетельствует о том, что таджикскую терминологическую часть Словаря нельзя в полном смысле считать отражением употребительной и устойчивой терминологии; приводимые таджикские эквиваленты носят во многих случаях рекомендательный характер, как материал для будущего отбора лучших из них. Развитие всех областей науки и техники идет такими быстрыми темпами, что терминологическая работа по их описанию не всегда поспевает за ними.

В связи со значительным расширением круга включаемой научно-технической терминологии в Словаре намного возросло количество толкований терминов, которые приводятся в скобках после соответствующего таджикского эквивалента; весьма заметно увеличилось число специальных помет, указывающих на область употребления того или иного термина.

Составители и редакторы не претендуют на передачу всех русских лексических и фразеологических единиц адекватными по смыслу таджикскими лексико-фразеологическими средствами. Они сознают, что это удалось им далеко не всегда, и поэтому часто прибегают к подаче нескольких таджикских синонимов — слов или выражений — с тем, чтобы все вместе они, дополняя друг друга, смогли бы более полно выразить значение переводимых русских лексических и фразеологических единиц соответствующими по смыслу таджикскими эквивалентами.

Особое затруднение вызвала стилистически окрашенная и эмоционально-экспрессивная лексика. Тем не менее, таджикские лексические единицы такого рода, включенные в Словарь в качестве соответствий, дадут материал и для отбора, и для языкового употребления, и для дальнейших двуязычных словарей — русско-таджикских и таджикско-русских.

Одним из трудных вопросов, с которыми постоянно сталкивались редакторы Словаря, был вопрос орфографии. Действующие правила орфографии отражают самый необходимый минимум орфографических норм, о чем свидетельствует и их название («Основные правила орфографии современного литературного таджикского языка», Душанбе, «Ирфон», 1972) и, следовательно, не могут претендовать на однозначное решение всех трудных вопросов написания слов и словосочетаний в современном таджикском литературном языке.

Ввиду того, что имеющиеся орфографические словари не могут дать ответ на многие трудности в области таджикской орфографии,— как по вопросу о слитном или раздельном написании сложных образований, так и по вопросу о выборе одного варианта из существующих двух или более вариантов,— редакторы Словаря также часто затруднялись отдать предпочтение какому-либо одному из вариантов, так как за каждым из них стоят определенные факторы языкового и внеязыкового характера. Поэтому в словаре возможно написание **китф** и **кифт**, **қуфл** и **қулф**, **шабпарак** и **шапалак**, **хафтдаҳ** и **хабдаҳ** и др., что является отражением процесса становления таджикской орфографии.

Работа по составлению словаря распределялась следующим образом: С. Д. Арзуманов (В, Д — Джерси, М, Печататься — Подворотня, С); Х. А. Ахрори (Б — Бесплодие, Брезентовый — Бязь, Г — Гляциолог); М. Бегбуди (Бесшабашность — Брезент, Ф); Н. Бегбуди (Известно — Июньский, Настройщица — Неврология, Х); Ф. Б. Брауде (Дом — Дятловый, З — Заслоночный); Н. Н. Ершов (А, П — Перетряхнуть, Подворье — Полагаться); Я. И. Қалонтаров (Джига — Доля); Н. Х. Муллокандов (О); Ш. Сабиров (Заслонять — Затронуть, Звонкий — Зять, Н — Надоедливый, Пофартить — Прогрев); М. Усманов (Гм — Грум, Й, Перетупить — Печатать); С. У. Усманова (Бесплодный — Бесчувствие, Затрубить — Звонить, К, Надоесть — Настройщик, Поладить — Пофантазировать, Прогревать — Пять, Т — Творец, Трёхпроцентный — Тятя, Ч, Ш, Щ); А. Х. Халилов (Е, Ё, Ж, И — Известковый, Л, Р, Творило — Трёхпольный, У, Ц, Э, Ю, Я); Р. М. Хашимов (Дом — Дятловый, З — Заслоночный); Ш. Хисомов (Грунт — Гяур, Неврома — Няня).

Список географических названий и Список аббревиатур и сложиосокращенных слов с таджикскими эквивалентами составлен С. Д. Холматовой.

В подготовке материалов Словаря принимали участие сотрудники отдела лексикологии и лексикографии Н. Абдуллаев, А. Атаханова, Х. Ахадов, Р. Гайворонский, М. Рахимова.

Первичную редакцию Словаря выполнили тт. С. Д. Арзуманов, Х. А. Ахрори, Х. Захидов, В. А. Капранов, Ш. Сабиров, С. Салихов, Н. Холмухаммедов.

Научно-контрольную редакцию Словаря провели тт. А. Маниязов (руководитель), С. Д. Арзуманов, В. А. Капранов, Б. Тилавов, С. Салихов, Н. Холмухаммедов.

Окончательный просмотр и подготовка Словаря к набору осуществлены тт. С. Салиховым и Н. Холмухаммедовым.

Институт отмечает особые заслуги ныне покойного члена-корреспондента АН Таджикской ССР Носирджона Асадовича Масуми в подготовке и редактировании Словаря. Н. А. Масуми проявлял неустанную заботу о повышении качества Словаря, оказывал постоянную помощь и сам отредактировал буквы А, Б, В, К, Л, внеся ценные коррективы и дав ряд практических замечаний, советов и пожеланий.

В обсуждении и рецензировании Словаря принимали участие академики АН Таджикской ССР Р. А. Амонов, Б. Н. Ниязмухаммедов, З. Р. Раджабов, члены-корреспонденты АН Таджикской ССР С. Ш. Табаров, М. Ф. Фазылов, М. Ш. Шукуров, доктора филологических наук Р. Г. Гаффаров, Л. Н. Демидчик, М. Ф. Исматуллаев, Д. Қ. Карамшоев, Х. М. Мирзозаде, Ш. Р. Рустамов, А. С. Сайфуллаев, Д. Т. Таджиев, Р. Х. Хадизаде, А. Л. Хромов, Н. А. Шаропов, профессора Х. Қ. Каримов, Л. В. Успенская, Ш. Х. Хусейнзаде, кандидаты филологических иаук Қ. С. Айни, Х. М. Атаханова, А. Л. Бухаризаде, Н. Т. Зехни, Р. Л. Неменова, Х. Н. Шодикулов; ученые Москвы и Ленинграда — члены-корреспонденты АН СССР С. Г. Бархударов, М. Н. Боголюбов, Ф. П. Филин, доктора филологических наук А. М. Бабкин, А. Н. Болдырев, М. И. Исаев, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфельд. За их ценные замечания и пожелания всем им Институт выражает благодарность.

ИНСТИТУТ ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ
имени РУДАКИ АН ТАДЖИКСКОЙ ССР

САРСУХАН

Дар муддати аз асри 11 то ибтидои асри 20-ум лексикографияи тоҷик дар худуди лексикографияи ягонаи забони адабии форсӣ равнақ меёфт. Ин лексикография воситаҳои забонии адабиёти форсизабони Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустонро тафсир медод. Бисьёр луғатҳои тафсирӣ — фарҳангҳо таълиф гардиданд, ки онҳо на танҳо ба ташаккулу инкишофи қоидаву қонунҳои забони адабии форсӣ мусоидат намуданд, балки барои таснифи чандин луғатҳои дузабонаи аз форсӣ ба дигар забонҳои ҳам Шарқ ва ҳам Ғарб чун пойгоҳи мустаҳкам хизмат карданд.

Инчунин бисьёр луғатҳои дузабонаи аз забонҳои Шарқ ба форсӣ (арабӣ ба форсӣ, турки ба форсӣ, урду ба форсӣ ва ғ.) тартиб ёфтанд. Дар поёни асри 19 ва ибтидои асри 20 чанд луғатҳои русӣ ба форсӣ ба табъ расиданд, вале онҳо ҳама ҳаҷман басо хурд буданд. Имкон дошт, ки ин луғатҳо ҳам дар Эрон ва ҳам дар Осиёи Миёна мавриди истифода қарор бигиранд. Гуфтан лозим аст, ки то инқилоб ҳам дар роҳи тартиб додани луғатҳои русӣ ба тоҷикӣ баъзе кушишҳо ба амал омаданд. Соли 1889 дар шаҳри Қазон луғати В. П. Наливкин «Луғати русӣ ба форсии лаҳҷаҳои кишвари Туркистон» аз чоп баромад, ки он даҳ ҳазор калимаву ибораҳоро дар бар мегирифт. Соли 1889 ва соли 1913 дар Тошкент ду луғати мухтасари русӣ ба форсӣ ба табъ расид, ки мураттиби онҳо Шоҳҳайдар Ҳотамтойев буд.

Дар давраи советӣ лексикографияи тоҷик ба марҳалаи нави равнақи худ расид, ки дар ин давра луғатҳои русӣ ба тоҷикӣ ва тоҷикӣ ба русӣ мақоми басо муҳим доранд. Ин луғатҳо пешрафти пуравҷи иқтисодиёт, илм ва маданияти республикаро ба назар гирифта, бояд инкишофи лексикаи забонҳои тоҷикӣ ва русиро дар робитаи мутақобилаи онҳо инъикос менамуданд.

То ин Луғат дар республикаи мо се луғати русӣ ба тоҷикӣ чоп шуда буд. Нахустини онҳо, ки аслан мабдаи лексикографияи дузабонаи советии тоҷик гардид, солҳои 1933—1934 дар ду ҷилд ба табъ расида буд. Ин луғатро гурӯҳи мураттибоне тартиб доданд, ки ба онҳо адиб ва олими забардасти тоҷик Садриддин Айнӣ роҳбарӣ мекард. Дар замони худ ин луғат аҳамияти бузурге дошт. Дар ин луғат бори аввал дар лексикографияи тоҷик аз ҳисоби забони гуфтугуии халқ калимаҳои зиёде зикр карда шуд. Вале набудани заминаи мустаҳкам ва маъхази қисми русии луғат (вай дар асоси Луғати тафсирии В. И. Даль тартиб дода шуда буд) боиси баъзе нуқсу камбудиҳои луғат гардиданд, яъне ба луғат архаизмҳои зиёде дохил шуданду фразеология ва бисьёр калимаҳои заруру даркорӣ берун монданд.

Ба ин сабаб баъди нашри Луғати тафсирии чорҷилдаи забони русӣ зери таҳрири Д. Н. Ушаков Луғати нави русӣ ба тоҷикӣ таҳия ёфт, ки он соли 1949 дар Москва зери таҳрири А. П. Деҳотӣ ва Н. Н. Ершов ба табъ расид. Ин луғат, ки 45 ҳазор калимаро дар бар мегирифт ҳам лексикаи нав, ҳам фразеология ва ҳам истилоҳоти асосии илмию техникӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ дошту ҳар яки онҳо мухтасар шарҳ дода мешуд. Дар қисми тоҷикии луғат таҷрибаи луғати пешина истифода гардид ва ғайр аз ин бисьёр воситаҳои нави луғавию фразеологию калимасозии забони тоҷикӣ дохил карда шуд (масалан, калимаҳое, ки бо суффикси -шавӣ, -кунӣ, -барорӣ ва ғ. тамом мешаванд).

Ин луғат дар ҳаёти маданӣ ва илмии республика соҳиби мақоми баланд гардид, вале алҳол ба як чизи нодиру камьёб табдил ёфтааст. Ғайр аз ин ба шарофати инкишофи пуравҷу доимии илму маданияту техника, ривоҷи ҳама соҳаҳои иқтисодиёти республика ҳам ба забони русӣ ва ҳам ба забони тоҷикӣ калимаву ибораҳои наву тоза беш аз пеш дохил шуда истодаанд.

Барои қонеъ намудани эҳтиёҷи мактабҳои миёна ва олӣ соли 1957 Луғати мухтасари таълимии русӣ ба тоҷикии С. Д. Арзуманов ва Х. К. Каримов ба табъ расид, ки он соли 1981 бори дуюм нашр гардид.

Ин Луғати русӣ ба тоҷикӣ барои доираи васеи хонандагон — аз студентону муаллимон сар карда, то мутарҷимону ходимони илмӣ ва барои русҳое, ки забони тоҷикиро меомӯзанд, таълиф гардидааст.

Луғатномаи русии Луғат дар асоси луғатҳои тафсирии забони русӣ — Луғати тафсирии Д. Н. Ушаков, Луғати С. И. Ожегов, Луғати чорҷилдаи забони русӣ, инчунин Луғати ҳафдаҳҷилдаи забони адабии ҳозираи рус тартиб дода шудааст. Ба масъалаи аз мақолу зарбулмасал хеле ғанӣ гардидани Луғат махсус диққат дода шуд.

Дар интихоби истилоҳот тамоми луғатҳои соҳавии истилоҳоти физика, математика, фалсафа, таърих, химия, география, ботаника, пахтакорӣ ва ғ. ки то он дам чоп шуда буданд, инчунин картотекаи шуъбаи лексикология ва лексикография, ки дар он аз бисьёр китобҳои дарсӣ ва нашриёҳои даврӣ истилоҳоти илмӣ гирд оварда шуда буд, истифода бурда шуданд. Дар ин кор Луғатномаи Энциклопедияи Советии Тоҷик хеле кумак кард.

Баъзе калимаҳо аз забони тоҷикӣ ва ба воситаи он аз забонҳои туркӣ ва арабӣ кайҳост, ки ба забони русӣ дохил шудаанд ва миқдори зиёди онҳо калимаҳое мебошанд, ки мафҳумҳои олами кӯҳнаи тоинқилобиро инъикос менамоянд ва дерест, ки ба қатори архаизмҳо дохил шудаанд, масалан казий (қозӣ), бай (бой), **паранджа** (фаранҷӣ), **калым** (қалин), **дервиш** (дарвеш), **диван** (девон), **медресе** (мадраса) ва ғ. Азбаски ин истилоҳот дар он асарҳои адабиёти бадеии рус, ки ба ҳаёти тоинқилобии Осиёи Миёна бахшида шудаанд, бисьёр дучор меоянд, ба ин сабаб дар Луғат ҳам зикри худро ёфтанд. Дар айни ҳол, дар Луғат он калимаҳое ҳам фаровон зикр шуданд, ки дар давраи советӣ аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ гузаштаанд ва дар байни онҳо калимаҳои барои мардумони Осиёи Миёна умумӣ кам нестанд. Масалан, **устод** (устод), **дехканин** (деҳқон), **чайхана** (чойхона), **плов** (палав), **пиала** (пиёла), **сюзане** (сузанӣ), **палас** (палос) ва ғ.

Ин калимаҳо дар матбуоти республика ва асарҳое, ки ба ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон бахшида шудаанд, ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Онҳо ба осонӣ дар матн ҷои худро пайдо намуда, ба таркиби луғавии забони русии сокинони Тоҷикистон дохил гардидаанд.

Дар ин Луғат ҳам бо роҳи ишоратҳои махсус ва ҳам ба роҳи шарҳу эзоҳ ба калимаҳо тавсифи мукаммалтари

грамматикӣ дода мешавад. Махсусан дар моддаҳое, ки пайвандакҳо, пешояндҳо, ҳиссачаҳо ва нидоҳоро дар бар мегиранд, маълумоти фаровони грамматики ҷой дорад. Шумораи шаклҳои гуногуни зарф ва ибораҳои зарфӣ низ хеле зиёд карда шуданд. Алалхусус дар боби инъикоси шаклҳон тарзи мафъули феълҳои забони русӣ ва ифодаи аниктари онҳо ба забони тоҷикӣ, инчунин доир ба воситаҳои баёни ҷинсҳои мардонаву занонаи исмҳо ва ғ. кори зиёде анҷом дода шуд.

Бениҳоят мушкилу мураккаб будани умуман луғатсозӣ ва алалхусус, луғатҳои дузабона ба ҳама маълум аст. Дар забонҳои гуногун аз ҷиҳати маъно ва услуб бо ҳам мувофиқат накардани миқдори зиёди калимаву ибораҳо ва дар забони дигар гоҳо тамоман вуҷуд надоштани ин ва ё он воҳиди луғавӣ ҳар як мураттиби луғатро ба вазъияти шахси ҳамеша ҷӯяндаи калимаи мувофик дучор месозад, ки аҳьён-аҳьён бо ёфтаҳои худ каноат ҳосил хоҳад кард.

Аз ин ру, дар лаҳзаҳои басо душвор аз тарафи мураттибон ва муҳаррирон сохта шудани воҳидҳои нави луғавӣ, калимаҳои таркибиву мураккаб ва ибораҳо як амри ногузир ба шумор меравад.

Дар ин бобат тарҷумаи истилоҳот душвории махсус дорад. Азбаски алҳол бисьёр ҷиҳату ҷанбаҳои терминологияи тоҷик амиқ, муайяну муқаррар нашудааст, ба ин сабаб муродифҳои тоҷикии истилоҳоти русиро на дар ҳама мавриди ҳатмию қатъӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Дар баробари истилоҳоте, ки каму беш маълуму маъмул мебошанд, оид ба хеле соҳаҳои илму техника бисьёр истилоҳоти «тақрибӣ» дохил карда шуд ва баъзан дар тарҷумаи ин ё он истилоҳоти русӣ ду-се ин гуна истилоҳоти «тақрибӣ» дода шуд, то ин ки барои минбаъда такмил ёфтани онҳо заминае мавҷуд бошад. Ҳоло ҳамаи соҳаҳои илму техника чунон бо суръат тараққӣ мекунад, ки барои ифодаи мафҳумҳои нави он на ҳамеша сари вақт пайдо кардани истилоҳоти лозима муяссар мегардад.

Ба муносибати ниҳоятдараҷа вусъат ёфтаии доираи истилоҳоти илмию техникӣ шарҳу эзоҳи пас аз муродифи тоҷикӣ дар қавсайн овардашуда низ бисьёр афзуд ва миқдори аломатҳое, ки ба соҳаи истеъмоли ин ва ё он истилоҳ ишора мекунанд, хеле зиёд гардид.

Ҳам мураттибон ва ҳам муҳаррирон иддао надоранд, ки тарҷумаи тамоми воҳидҳои луғавӣ ва фразеологии русӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно пурра мувофиқат мекунанд. Онҳо ҳаминро ҳам медонанд, ки ин кори бениҳоят мушкил аст, бинобар ин ҳангоми тарҷума якчанд синоними калима ва ибораро меоваранд, то ин ки ба туфайли синонимҳо тобишҳои маъноии калимаву ибораҳои русӣ равшантар шавад.

Яке аз масъалаҳои душвор дар тарҷума инъикос намудани тобишҳои услубии калимаву ибораҳои русӣ буд, зеро дар баъзе мавридҳо тобиши услубии калимаи русӣ дар тоҷикӣ умуман муродиф надорад, яъне ин ё он калимаву ибораи русӣ ба тоҷикӣ маънан айнан дода шавад ҳам, вале тобиши услубии он пушида мемонад. Дар ин мавридҳо дар луғат гарчанде хеле кушиш рафт, ки тобишҳои услубии калимаву ибораҳо пурра инъикос гардад, вале ин корро ҳам бе ягон камбудӣ иҷро кардан амри маҳол аст, ба ин сабаб дар тарҷума баъзан муродифи русӣ не, балки мушобеҳи он оварда шуд, то он луқмае шавад барои дарьёфти шакли дурусттари ифодаи он.

Дигар масъалаи мураккаб масъалаи имло буд. Гарчанде «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик» ҳануз соли 1972 нашр шудааст, вале чи тавре аз номаш пайдост — он қоидаҳои асосӣ аст ва тамоми ҷузъиёту мураккаботи ин соҳаро пурра фаро гирифта наметавонад ва ба ин сабаб мураттибону муҳаррирон дар боби аниқ, муқаррару муайян кардани имлои ин ё он калима хеле мушкилӣ кашиданд. Вале дар ин сурат ҳам дар баробари аслан риоя намудани тавсияи «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик» дар Луғат ҳатталимкон шаклҳои мавҷудаи имлои ин ё он калима оварда шуд, зеро ҳар як шакли мавҷудаи имло зодаи омилҳои зиёди забони ва ғайризабонӣ мебошанд. Аз ин ҷост, ки дар Луғат тарзу шаклҳои гуногуни навишти баъзе калимаҳоро, ба мисли **китф** ва **кифт**, **қулф** ва **қуфл**, **шабпарак** ва **шапалак**, **ҳафтдаҳ** ва **ҳабдаҳ** метавон дучор овард.

Дар тартиб додани моддаҳои Луғат инҳо иштирок доштанд: С. Ҷ. Арзуманов (В, Д — Джерси, М, Печататься — Подворотня, С); Ҳ. А. Аҳрорӣ (Б — Бесплодие, Брезентовый — Бязь, Г — Гляциолог); М. Беҳбудӣ (Бесшабашность — Брезент, Ф); Н. Беҳбудӣ (Известно — Июньский, Настройщица — Неврология, Х); Ф. Б. Брауде (Дом — Дятловый, З — Заслоночный); Н. Н. Ершов (А, П — Перетряхнуть. Подворье — Полагаться); Я. И. Калонтаров (Джига — Доля); Н. Х. Муллоқандов (О); Ш. Собиров (Заслонять — Затронуть, — Звонкий — Зять, Н — Надоедливый, Пофартить — Прогрев); М. Усмонов (Гм — Грум, Й, Перетупить — Печатать); С. У. Усмонова (Бесплодный — Бесчувствие, Затрубить — Звонить, К, Надоесть — Настройщик, Поладить — Пофантазировать, Прогревать — Пять, Т — Творец, Трёхпроцентный — Тятя, Ч, Ш, Щ); А. Х. Халилов (Е, Ё, Ж, И — Известковый, Л, Р, Творило — Трёхпольный, У, Ц, Э, Ю, Я); Р. М. Хошимов (Дом — Дятловый, З — Заслоночный); Ш. Ҳисомов (Грунт — Гяур, Неврома — Няня).

Руйхати номҳои географи ва Руйхати аббревиатураҳо ва калимаҳои мураккаби ихтисоршудаи забони русӣ бо эквивалентҳои тоҷикии онҳо — С. Д. Холматова.

Дар тайёр кардани материалҳои Луғат барои чоп кормандони шуъбаи лексикология ва лексикография Н. Абдуллоев, А. Отахонова, Ҳ. Аҳадов, Р. Гайворонский, М. Раҳимова иштирок намуданд.

Таҳрири аввали Луғатро рафиқон С. Ҷ. Арзуманов, Ҳ. А. Аҳрорӣ, Ҳ. Зоҳидов, В. А. Капранов, Ш. Собиров, С. Солеҳов, Н. Холмуҳаммадов анҷом доданд.

Таҳрири охирини илмии Луғат аз тарафи рафиқон А. Маниёзов (роҳбар), С. Ҷ. Арзуманов, В. А. Капранов, Б. Тилавов, С. Солеҳов, Н. Холмуҳаммадов анҷом дода шуд.

Луғатро рафиқон С. Солеҳов ва Н. Холмуҳаммадов бори охирин аз назар гузаронда, ба чоп тайёр карданд.

Институт изҳор мекунад, ки дар таҳия ва таҳрири Луғат хизмати аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон марҳум Носирҷон Асадович Маъсумӣ басо бузург аст. Маъсумӣ дар бобати баланд шудани сифати Луғат мудом ғамхорӣ мекард, ёрӣ ва мадади худро дареғ намедошт ва шахсан ҳарфҳои А, Б, В, К, Л-ро таҳрир намуда бисьёр маслиҳатҳои пурарзиш дод.

Дар муҳокима ва тақризи Луғат инҳо ширкат карданд: академикҳои АФ РСС Тоҷикистон Р. А. Амонов, Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, З. Р. Раҷабов, аъзо-корреспондентҳои АФ РСС Тоҷикистон С. Ш. Табаров, М. Ф. Фозилов, М. Ш. Шукуров, докторҳои илми филология Л. Н. Демидчик, М. Ф. Исматуллоев, Д. К. Карамшоев, Х. М. Мирзозода, Ш. Р. Рустамов, А. С. Сайфуллоев, Д. Т. Тоҷиев, А. Л. Хромов, Н. А. Шаропов, Р. Ғ. Ғаффоров, Р. Ҳ. Ҳолизода. профессорҳо Ҳ. К. Каримов, Л. В. Успенская, Ш. Ҳ. Ҳусейнзода, номзадҳои илми филология К. С. Айнӣ, А. Л. Бухоризода, Н. Т. Зеҳнӣ, Р. Л. Неменова, Х. М. Отахонова, Ҳ. Н. Шодиқулов; олимони Москва ва Ленинград — аъзо-корреспондентҳои АФ СССР С. Г. Бархударов, М. Н. Боголюбов, Ф. П. Филин, докторҳои илми филология А. М. Бабкин, А. Н. Болдырев, М. И. Исоев, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфельд. Институт ба ҳамаи онҳо барои қайду маслиҳатҳои пурқиматашон изҳори ташаккур менамояд.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ
ба номи РӮДАКИИ АФ РСС ТОҶИКИСТОН

О ПОЛЬЗОВАНИИ СЛОВАРЕМ

Построение словарной статьи

1. Русские заглавные слова расположены в словаре в алфавитном порядке и набраны полужирным шрифтом. Каждое заглавное слово со всем относящимся к нему материалом образует словарную статью.

2. Внутри словарной статьи заглавное слово заменяется знаком «тильда» (~):

рис *м* **1.** шолӣ; **возде́лывать ~** шолӣ коштан...

Тильда заменяет и неизменяемую часть слова, которая отделяется от изменяемой двумя парными вертикальными чертами, например:

ка́пл||я *ж* **1.** қатра, чакра; **кру́пные ~и дождя́** қатраҳои калони борон...

3. Различные значения русского заглавного слова выделяются арабскими полужирными цифрами с точкой; каждое значение русского слова по возможности иллюстрируется, например:

до́з||а *ж* **1.** воя, як хурданӣ; **уме́ньшить ~у лека́рства** вояи доруро кам кардан **2.** *перен.* миқдор; **лошади́ная ~а** миқдори хеле зиёд

После заглавного слова, в случае отсутствия примера, уточняющего значение, дается пояснение в скобках, например:

ба́бка I *ж* **1.** *(бабушка)* модаркалон, онакалон, бибӣ **2.** *прост.* *(старуха)* кампир

4. После заглавного слова и его грамматической характеристики дается перевод. Близкие по значению переводы отделяются запятой, более отдаленные — точкой с запятой. В некоторых случаях для уточнения перевода даются пояснения: перед переводом — на русском языке, после перевода — на таджикском языке, например:

бе́лка *ж* санҷоб; *(мех)* пусти санҷоб
баро́н *м* барон *(унвони дворянӣ)*

5. Знак // употребляется для выделения оттенков значения слова, например:

перелиста́ть *сов. что* варақ задан, варақ гардондан // *(бегло просмотреть)* варақ зада дидан

6. Если переводы разных значений русского слова совпадают, то слово снабжается пометой *в разн. знач.*, например:

гру́пп||а *ж в разн. знач.* гурӯҳ; **~а бойцо́в** гурӯҳи ҷанговарон;.. **~а расте́ний** гурӯҳи растаниҳо...

7. Слова, в которых прямое и переносное значения переводятся одинаково, имеют пометы *прям.*, *перен.*, например:

гва́рдия *ж прям.*, *перен.* гвардия

8. Различные значения или различное употребление русского слова характеризуются пояснениями, отраслевыми пометами (*мед.*, *тех.*, *горн.* и т. п.), а также пометами стилистическими (*разг.*, *прост.*, *книжн.* и т. п.)

пережи́м *м горн.* борикшавии раги маъдан
переку́р *м разг.* танаффуси тамокукашӣ

9. Фразеологические обороты, т. е. словосочетания, не подходящие ни под одно из значений заглавного слова, помещаются в конце словарной статьи за ромбом (◇) и даются при всех значимых словах с переводом, без ссылок.

10. Разные значения фразеологического оборота выделяются арабскими светлыми цифрами за скобкой, например:

...без головы́ 1) *(неумный)* одами бекалла 2) *(не обдумав)* бешуурона, беақлона, бефикрона

11. Пословицы и поговорки приводятся под соответствующими значениями слова с пометами *посл.*, *погов.* В тех случаях, когда они не подходят ни под одно из значений заглавного слова, они помещаются за ромбом. Если пословица или поговорка не имеет точного эквивалента в языке, а переводится близким по смыслу таджикским выражением, то перед переводом ставится знак ≈, например:

...не бо́ги горшки́ обжига́ют *погов.* ≈ ин кор аз дасти ҳар кас меояд

12. Варианты слова могут быть расположены в одной статье, если это не нарушает алфавитного порядка, например:

длинношёрстн||ый, длинношёрст||ый, -ая, -ое...
длинну́щий, длинню́щий, -ая, -ее...

13. Если русское заглавное слово употребляется только в определенном словосочетании или вне его непереводимо, то после этого слова стоит двоеточие, а затем идет словосочетание, например:

баклу́ши: бить ~ бекорхуҷагӣ кардан, бекорхуҷа шуда гаштан
зги: ни ~ не ви́дно (не вида́ть) тип-торик, ҳеҷ чиз дида намешавад

14. Омонимы, т. е. слова, одинаковые по произношению и с одинаковым написанием, но разные по смыслу, даются отдельными статьями и обозначаются римскими цифрами:

ладья́ I *ж уст. поэт.* сафина
ладья II *ж шахм.* рух

15. На всех русских словах, кроме односложных, ставится ударение. Если слово имеет двоякое ударение, то в словаре указываются оба, например:

до́гово́р *м*
тво́ро́г *м*
реше́тчатый, решётчатый, -ая, -ое

16. Взаимозаменяемые слова как в русском, так и в таджикском тексте даются в круглых скобках, например:

...играть словами (в слова) аския (зарофат) гуфтан

17. В. квадратных скобках даются факультативные части словосочетаний.

...брать на себя [смелость] ҷуръат кардан

Имя существительное

1. Имена существительные даются в словаре в именительном падеже единственного числа с пометой рода, например:

год *м*
ночь *ж*
ýтро *с*

2. При именах существительных, имеющих два рода, ставятся пометы *м*, *ж*, например:

задúра *м*, *ж*

3. Несклоняемые имена существительные сопровождаются пометой *нескл.*, например:

пальтó *с нескл.*
кóфе *м нескл.*
метрó *с нескл.*

4. Имена существительные, употребляющиеся только во множественном числе, приводятся с пометой *тк. мн.*, например:

часы́ *тк. мн.*
нóжницы *тк. мн.*

5. Имена существительные, употребляющиеся преимущественно во множественном числе, снабжаются пометой *мн.*, а форма единственного числа дается в скобках с указанием рода, например:

усы́ *мн.* (*ед.* **ус** *м*)

6. Если форма множественного числа существительного имеет отдельное значение или оттенок значения, то множественное число дается отдельным значением в той же словарной статье с пометой *мн.*, *чаще мн.* и *тк. мн.*, например:

взор *м*... 2. *перен. чаще мн.* **взóры**

7. Если различные значения одного и того же слова имеют разные формы множественного числа, они даются при соответствующем значении, например:

кол *м* 1. (*мн.* **кóлья**) ... 2. (*мн.* **колы́**)...

8. При собирательных именах существительных дается помета *собир.*, например:

молодёжь *ж собир.* ҷавонон

9. Имена деятелей даются в единственном числе мужского рода с переводом. Имена деятелей женского рода даются со ссылкой на мужской род, например:

изменник *м* хоин, хиёнатгар
измéнница *женск. к* **измéнник**

В отдельных случаях при формах женского рода дается перевод, например:

двóечник *м разг.* талабаи бадхон (духон)
двóечница *ж разг.* толибаи бадхон (духон)

10. Сложносокращенные слова даются с расшифровкой в скобках, например:

комбáт *м* 1. (командúр батальóна) комбат, командири батальон 2. (командúр батарéи) комбат, командири батарея

11. Существительные, образованные от глаголов и обозначающие действие или состояние, снабжаются пометой *по знач. гл.* и передаются таджикским именем существительным или масдаром с изафетом в круглых скобках, например:

изучéние *с* (*по знач. гл.* **изучúть**) омузиш, омухтан(и), аз худ кардан(и); ~ **истóрии** омухтани таърих

Имя прилагательное

1. Имена прилагательные даются в словаре в форме именительного падежа единственного числа мужского рода, затем приводятся окончания женского и среднего рода, например:

веролóмный, -ая, -ое
вечéрн||ий, -яя, -ее

2. Если возможно образование кратких форм прилагательных, то в скобках приводятся и эти формы, например:

лáдный, -ая, -ое (лáд|ен, -нá, -но)
дóбр||ый, -ая, -ое (дóбр, -а, -о, дóбры́)

3. Степени сравнения прилагательных приводятся в тех случаях, когда они представляют особенности в образовании, при дополнительных значениях или фразеологии, например:

молóже *сравн. ст. к* **молодóй**
лýчше *сравн. ст. к* **хорóший** *и к* **хорошó**
вернée 1. *сравн. ст. к* **вéрный** *и к* **вéрно**; 2. *в знач. ввод. сл.* дурусти гап, рости гап, дурусттараш

4. В тех случаях, когда прилагательное может употребляться в значении существительного, дается помета *в знач. сущ.*, например:

больн||óй, -ая, -óе (бó|лен, -льнá, -льнó) 1. касал, бемор; **~óй мáльчик** бачаи касал... // *в знач. сущ.* **больнóй** *м*, **больная** *ж* касал, бемор

5. В случаях, когда русское прилагательное переводится таджикскими именами существительными в изафетной конструкции, перед именем ставится отточие с изафетом, например:

родникóв||ый, -ая, -ое ...и чашма, ...и сарчашма; **~ая водá** оби ҷашма

Иногда таджикское имя существительное выступает как словообразующий элемент и употребляется как часть сложного слова:

родúльный, -ая, -ое ...и таваллуд, таваллуд=, ...и зоиш; **~ дом** таваллудхона

Имя числительное

1. При количественных числительных дается помета *числ.*, например:

семь *числ.* ҳафт

2. При порядковых числительных указываются родовые окончания женского и среднего рода и дается помета *числ.*, например:

трéтий, -ья, -ье 1. *числ.* сеюм, саввум...

Местоимение

В словаре приводятся все разряды местоимений.

1. При личных местоимениях в именительном падеже в скобках даются косвенные формы и примеры с их употреблением, например:

я (меня, мне, меня, мной *и* мнóю, обо мнé) *мест. личн. 1 л. ед.* 1. ман...

Косвенные формы личных местоимений приводятся на своем месте по алфавиту со ссылкой на местоимение в именительном падеже, например:

меня́ *род. и вин. от* **я**
нас *род.*, *вин.*, *предл. от* **мы**

2. Указательные местоимения единственного числа даются на своем месте с переводом и примерами, иллюстрирующими изменение местоимений по падежам, например:

этот... *мест. указ. м* 1. ин, ҳамин...

Формы женского и среднего рода, формы множественного числа и косвенных падежей даются на своем месте с отсылкой на основную форму:

э́та *мест. указ. женск. к* **э́тот**
э́ти *мн. от* **э́тот, э́та, э́то** II
этого *род. и вин. от* **э́тот, э́то** II

3. Притяжательные и определительные местоимения даются в словаре в единственном числе в форме именительного падежа мужского рода с примерами, иллюстрирующими их изменение, например:

мой... *мест. притяж. м* 1. аз они ман, моли ман, ...и ман; **э́то моя кни́га** ин китоби ман аст...

4. Вопросительные, относительные и отрицательные местоимения даются в именительном падеже с переводом и примерами:

кто (кого́, кому́, кого́, кем, о ко́м) *мест.* 1. *вопр...* 2. *относ...*
ничто́ (ничего́, ничему́, ничем, ни о чём) *мест. отриц...*

На своем месте по алфавиту приводятся косвенные формы со ссылкой, например:

ничём *мест. отриц. тв. от* **ничто́** 1

Глагол

1. Глаголы приводятся в неопределенной форме с указанием вида и управления, например:

забы́ть *сов.* 1. *кого-что, о ком-чём...*

Если разные значения глагола имеют различное управление, оно указывается после цифр, разделяющих значение:

вы́кинуть *сов.* 1. *кого-что...* 2. *что...*

2. Формы совершенного и несовершенного видов приводятся каждая на своем месте по алфавиту с соответствующей пометой (*сов., несов.*). Если глагол является одновременно глаголом совершенного и несовершенного вида, то при нем даются обе пометы, например:

мобилизова́ть *сов., несов...*

3. Перевод, как правило, дается при глаголах совершенного вида, а при несовершенном дается ссылка, например:

получа́ть *несов. см.* **получи́ть**

В тех случаях, когда глагол или его значение употребляются только в несовершенном виде, перевод дается при несовершенном виде. Примеры и фразеология, которые не могут быть употреблены в совершенном виде, даются при глаголах несовершенного вида, например:

дава||ть *несов.* 1. *см.* **дать;..** ◊ **не ~ть прохо́да кому́-л.** касеро безор кардан

Ссылки даются только в пределах одной буквы.

4. В словаре приводятся употребительные формы страдательного залога с пометой *страд.* и с переводом, например:

рисова́ться *несов.* ... 4. *страд.* расм кашида шудан

5. Причастия выделяются в самостоятельную статью в тех случаях, когда они по своему значению и употреблению переходят в разряд имен прилагательных или имен существительных, например:

люби́мый, -ая, -ое 1. *прич., прил.* писандида, азиз, маҳбуб 2. *в знач. сущ.* **люби́мый** *м* маҳбуб, азиз; **люби́мая** *ж* маҳбуба, азиза

6. Если прилагательные причастного происхождения отличаются по написанию от соответствующих причастий (ра́неный — ра́ненный), в словаре приводятся обе формы отдельно:

ра́ненный *прич.* (ра́нен, -а, -о)
ра́неный, -ая, -ое

7. Деепричастия в словаре не приводятся, за исключением тех, которые превратились в наречия.

Наречия

Наречия на -о, -е (производные от прилагательных) даются отдельной словарной статьей в следующих случаях: а) когда наречие имеет значения или оттенки значений, отсутствующие в прилагательном; б) когда наречие может употребляться в значении сказуемого; в) когда наречие не имеет в своих значениях никаких отличий от прилагательного, но широко употребляется в речи.

Предлоги, приставки, сложные слова

1. Предлоги сопровождаются указанием падежа и кратким пояснением. При каждом значении предлога даются переводы и примеры употребления:

к (ко) *предлог с дат.* 1. *(указывает направление действия в сторону кого-чего-л.)* ба, ба сӯи.., ба тарафи.., ба пеши.., ба назди..; **плыть к бе́регу** ба суи соҳил шино кардан...

2. Приставки даются отдельной словарной статьей с дефисом ≈ и пометой *приставка*. Объяснение дается курсивом на таджикском языке, после чего идут примеры:

без≈ (безъ≈, бес≈) *приставка бе≈ префиксест, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *набудани ягон чиз* — **безбилётный** бебилет; **бесхара́ктерный** бе-ирода...

Варианты предлогов и приставок **ко, безо≈** и т. п. даются на своем месте по алфавиту с примерами и с отсылкой к основной форме, например:

ко *предлог ба ҷои «к» пеш аз баъзе калимаҳо кор фармуда мешавад:* **ко мне** ба пеши ман, ба назди ман, ба суи ман;.. *см. тж.* **к**

В отдельных словарных статьях даются составные (первые и вторые) части сложных и сложносокращенных слов, если они являются продуктивными, т. е. служат для образования новых слов в русском языке.

вагоно≈
жил≈
≈эта́жный

Союзы и частицы

1. Союзы даются с пометой и указанием на синтаксическую роль в предложении:

но I *союз против.* 1. аммо, лекин...

2. Частицы даны с указанием разряда, пояснениями в скобках и переводом, например:

хоть... 4. *частица усил. (по крайней мере)* ақаллан, ҳеҷ набошад

Междометия

К междометиям даются соответствующие таджикские эквиваленты без пояснений. К разным значениям междометий даются пояснения, например:

о II *межд.* 1. *(при обращении)* эй, э, аё, ҳой; **о друзья́!** эй дӯстон!... 2. *(при выражении удивления, восхищения, сожаления)* эҳ, ох, воҳ...

ДАР ХУСУСИ ИСТИФОДА КАРДАНИ ЛУҒАТ

Сохти моддаи луғат

1. Калимаҳои асосии русӣ дар луғат аз рӯи тартиби алифбо чойгир шуда бо ҳуруфи тиратоб чоп мешаванд. Ҳар як калима бо тарҷума, мисолу тавзеҳоти грамматикиаш моддаи луғатро ташкил медиҳад.

2. Дар дохили моддаи луғат калимаи асосӣ бо аломати тильда (~) иваз мешавад, масалан:

рис *м* 1. шолӣ; **возде́лывать** ~ шолӣ коштан...

Тильда инчунин қисми тағйирнашавандаи калимаро, ки аз қисми тағйиршавандаи калима бо ду хатти рост ҷудо мешавад, иваз мекунад, масалан:

ка́пл||я *ж* 1. қатра, чакра; **кру́пные ~и дождя́** қатраҳои калони борон...

3. Маъниҳои гуногуни калимаи асосии русӣ бо рақамҳои тиратоби арабӣ ҷудо карда шуда, баъди рақам нукта гузошта мешавад; барои ҳар як маънии калимаи русӣ ҳатталимкон мисоле оварда мешавад, масалан:

до́з||а *ж* 1. воя, як хурданӣ; **уме́ньшить ~у лека́рства** вояи доруро кам кардан 2. *перен.* миқдор; **лошади́ная ~а** миқдори хеле зиёд

Агар барои калимаи асосӣ мисол набошад, маънии калима дар қавсайн шарҳ меёбад, масалан:

ба́бка I *ж* 1. *(бабушка)* модаркалон, онакалон, бибӣ 2. *прост.* *(старуха)* кампир

4. Баъди калимаи асосӣ ва шарҳи грамматикии он тарҷумаи калима меояд. Тарҷумаҳои маънан наздик бо вергул ва маънан дури калимаҳо бо нуқтавергул ҷудо мешаванд. Дар баъзе мавридҳо барои равшантар шудани маънӣ тавзеҳ дода мешавад: пеш аз тарҷума — ба забони русӣ, баъди тарҷума — ба забони тоҷикӣ, масалан:

бе́лка *ж* санҷоб; *(мех)* пусти санҷоб
барон *м* барон *(унвони дворянӣ)*

5. Аломати // барои ифодаи тобишҳои маънови калимаҳо истифода мешавад, масалан:

перелиста́ть *сов. что* варақ задан, варақ гардондан // *(бегло просмотреть)* варақ зада дидан

6. Агар маъниҳои гуногуни калимаи русӣ бо як калима тарҷума шавад, он гоҳ қайди *в разн. знач.* истифода бурда мешавад, масалан:

гру́пп||а *ж в разн. знач.* гуруҳ; **~а бойцо́в** гуруҳи ҷанговарон;.. **~а расте́ний** гуруҳи растаниҳо

7. Агар маъниҳои аслӣ ва маҷозии калимаҳо як хел тарҷума шаванд, он гоҳ қайди *прям.*, *перен.* истифода мешавад, масалан:

гва́рдия *ж прям.*, *перен.* гвардия

8. Барои таъкиди маъниҳои гуногуни калимаи русӣ ишороти соҳа (*мед.*, *тех.*, *лит.*, *горн.* ва ғ.), инчунин ишороти нисбати услуб (*разг.*, *прост.*, *книжн.* ва ғ.) ба кор мераванд, масалан:

пережи́м *м горн.* борикшавии раги маъдан
переку́р *м разг.* танаффуси тамокукашӣ

9. Ибораҳои фразеологӣ дар охири ҳар як моддаи луғат зери аломати ромб (◇) меоянд.

10. Маъниҳои гуногуни ибораҳои фразеологӣ бо рақамҳои арабӣ ва қавс ишора мешаванд, масалан:

...без головы 1) *(неумный)* одами бекалла 2) *(не обдумав)* бешуурона, беақлона, бефикрона

11. Зарбулмасал ва мақолҳо зери маъниҳои мувофиқи калимаҳо бо қайди *посл.*, *погов.* меоянд. Агар онҳо ба ҳеҷ як маънии калимаи асосӣ мувофиқ набошанд, он гоҳ зери аломати ромб меоянд. Агар зарбулмасал ва мақол муродифи тоҷикӣ надошта бошад, бо ибораи маънан наздики тоҷикӣ тарҷума шуда, пеш аз тарҷума аломати ≈ гузошта мешавад, масалан:

...не бо́ги горшки́ обжига́ют *погов.* ≈ ин кор аз дасти ҳар кас меояд

12. Шаклҳои гуногуни калимаи асосӣ, агар хилофи тартиби алифбо набошанд, зери як моддаи луғат меоянд, масалан:

длинношёрстн||ый, длинношёрст||ый, -ая, -ое...
длинну́щий, длиннющий, -ая, -ее...

13. Агар калимаи асосии русӣ бидуни ибораи муайян истифода нашавад, пас аз он калима дунуқта гузошта мешавад, масалан:

баклу́ши: **бить ~** бекорхӯҷагӣ кардан, бекорхуҷа шуда гаштан
зги: **ни ~ не ви́дно (не вида́ть)** тип-торик, ҳеҷ чиз дида намешавад

14. Омонимҳо, яъне калимаҳои талаффуз ва навиштанашон якхела, ки маъниҳои гуногунро ифода мекунанд, зери моддаи луғатҳои алоҳида меоянд ва бо рақамҳои римӣ ишора мешаванд, масалан:

ладья́ I *ж уст. поэт.* сафина
ладья II *ж шахм.* рух

15. Дар ҳамаи калимаҳои русӣ, ғайр аз калимаҳои якҳиҷоӣ, зада гузошта мешавад. Агар калима ду навъ зада қабул кунад, он гоҳ ҳар ду зада гузошта мешавад, масалан:

до́гово́р *м*
тво́ро́г *м*
реше́тчатый, решётчатый, -ая, -ое

16. Калимаҳое, ки маънан ҳамдигарро иваз мекунанд, чи дар забони русӣ ва чи дар забони тоҷикӣ дохили қавсайн гирифта мешаванд, масалан:

...игра́ть слова́ми (в слова) 1) аския (зарофат) гуфтан

17. Қисмҳои фаръии ибораҳо дар қавсайни мураббаъ меоянд, масалан:

...брать на себя [сме́лость] ҷуръат кардан

Исм

1. Исмҳо дар луғат дар шакли танҳои падежи именительный бо ишораи ҷинс дода мешаванд, масалан:

год *м*
ночь *ж*
утро *с*

2. Исмҳое, ки дар ду ҷинс меоянд, қайди *м* ва *ж* доранд, масалан:

зади́ра *м, ж*

3. Исмҳои тасрифнашаванда бо қайди *нескл.* меоянд, масалан:

пальто *с нескл.*
ко́фе *м нескл.*
метро́ *с нескл.*

4. Исмҳое, ки фақат дар шакли ҷамъ истифода мешаванд, бо қайди *тк. мн.* меоянд, масалан:

часы́ *тк. мн.*
но́жницы *тк. мн.*

5. Исмҳое, ки бештар дар шакли ҷамъ истифода мешаванд, бо ишораи *мн.* меоянд ва шакли танҳои исмҳо дар қавсайн бо нишон додани ҷинс оварда мешавад, масалан:

усы́ *мн. (ед.* **ус** *м)*

6. Агар шакли ҷамъи исм маънои ё тобиши маънoии махсус дошта бошад, он гоҳ шакли ҷамъи исм дар ҳамон моддаи луғат бо қайди *мн.*, *чаще мн.* и *тк. мн.* алоҳида меояд, масалан:

взор *м* ...2. *перен. чаще мн.* **взо́ры**

7. Агар маъноҳои гуногуни ҳамон як калима бо шаклҳои мухталифи ҷамъ оянд, он гоҳ ин шаклҳо дар қавсайн ишора мешаванд, масалан:

кол I *м* 1. (*мн.* **ко́лья**)... 2. (*мн.* **колы́**)...

8. Исми ҷамъ дар луғат бо қайди *собир.* меояд, масалан:

молодёжь *ж собир.* ҷавонон

9. Исми фоил дар шакли танҳои ҷинси мардона бо тарҷумааш меояд. Исми фоили ҷинси занона бо истинод ба шакли ҷинси мардонаи он меояд, масалан:

изме́нник *м* хоин, хиёнатгар
изме́нница *женск. к* **изме́нник**

Агар исми фоили ҷинси занона шакли анъанавии худро дошта бошад, бо тарҷумааш меояд, масалан:

дво́ечник *м разг.* талабаи бадхон (духон)
дво́ечница *ж разг.* толибаи бадхон (духон)

10. Исмҳои мураккаби ихтисоршуда бо тафсирашон дар қавсайн меоянд, масалан:

комбат *м* 1. (команди́р батальо́на), комбат, командири батальон 2. (команди́р батаре́и) комбат, командири батарея

11. Исмҳои феълӣ бо қайди *по знач. гл.* ва исм ё масдари изофадор дар қавсайн меоянд, масалан:

изуче́ние *с (по знач. гл.* изучи́ть) омузиш, омухтан(и), аз худ кардан(и)..; ~ **исто́рии** омухтани таърих

Сифат

1. Сифат дар луғат ба шакли танҳои падежи именительный ва ҷинси мардона меояд, баъд бандакҳои ҷинси занона ва ҷинси миёнаи он ишора мешавад, масалан:

вероло́мный, -ая, -ое
вече́рн||ий, -яя, -ее

2. Шакли кутоҳи сифат дар қавсайн ишора мешавад, масалан:

ладный, -ая, -ое (лад|ен, -на́, -но)
до́брый, -ая, -ое (добр, -а, -о, добры)

3. Дараҷаҳои қиёсии сифат дар сурате оварда мешаванд, ки агар тарзи сохти онҳо аз рӯи қоида набошад ва агар маънои нав ба вуҷуд ояд, масалан:

моло́же *сравн. ст. к* **молодо́й**
лу́чше *сравн. ст. к* **хоро́ший** *и к* **хорошо́**
верне́е 1. *сравн. ст. к* **ве́рный** *и к* **ве́рно;** 2. *в знач. вводн. сл.* дурусти гап, рости гап, дурусттараш

4. Агар сифат ҳамчун исм истифода шавад, бо қайди *в знач. сущ.* меояд, масалан:

больн||о́й, -а́я, -о́е (бо|лен, -льна, -льно) 1. касал, бемор; **~ой ма́льчик** бачаи касал... // *в знач. сущ.* **больно́й** *м*, **больна́я** *ж* касал, бемор

5. Агар сифат ба тоҷикӣ бо исми изофӣ тарҷума шавад, пеш аз исм сенуқта ва изофат гузошта мешавад, масалан:

роднико́в||ый, -ая, -ое ...и чашма, ...и сарчашма; **~ая вода́** оби чашма

Баъзан исм дар забони тоҷикӣ чун унсури калимасоз ба назар мерасад ва ҳамчун ҷузъи калимаи мураккаб истифода мешавад:

роди́льный, -ая, -ое ...и таваллуд, таваллуд-, ...и зоиш; ~ **дом** таваллудхона

Шумора

1. Шумораи миқдорӣ бо қайди *числ.* меояд, масалан:

семь *числ.* ҳафт

2. Шумораи тартибӣ бо часпакҳои ҷинси занона ва ҷинси миёна меояд, масалан:

тре́тий, -ья, -ье 1. *числ.* сеюм, саввум...

Ҷонишин

Дар луғат ҳамаи навъҳои ҷонишин оварда шудааст.

1. Ҷонишинҳои шахсӣ дар шакли падежи именительный ва шаклҳои дигари падежҳои ҷонишин дар қавсайн меоянд, масалан:

я (меня, мне, меня́, мной *и* мно́ю, обо мне) *мест. личн. 1 л. ед.* 1. ман...

Шаклҳои дигари падежҳои ҷонишин дар ҷои худ аз рӯи алифбо бо истинод ба шакли асосии ҷонишин оварда мешаванд, масалан:

меня́ *род. и вин. от* **я**
нас *род., вин., предл. от* **мы**

2. Ҷонишинҳои ишоратии шакли танҳо дар ҷои худ бо тарҷума ва мисолҳое, ки тағйироти падежии ҷонишинҳоро нишон диҳад, оварда мешаванд, масалан:

э́тот... *мест. указ. м* 1. ин, ҳамин...

Шаклҳои ҷинси занона ва ҷинси миёна, шакли ҷамъ ва падежҳои ғайри именительный дар ҷои худ бо истинод ба шакли асосии онҳо оварда мешаванд, масалан:

э́та *мест. указ. женск.* к **э́тот**
э́ти *мн. от* **э́тот, э́та, э́то** II
э́того *род. и вин. от* **э́тот, э́то** II

3. Ҷонишинҳои соҳибӣ ва муайянкунанда дар луғат ба шакли танҳои падежи именительный ва ҷинси мардона бо мисолҳое, ки тарзи тағйир ёфтани онҳоро нишон диҳад, меоянд, масалан:

мой... *мест. притяж. м* 1. аз они ман, моли ман, ...и ман; **э́то моя́ кни́га** ин китоби ман аст...

4. Ҷонишинҳои суолӣ, нисбӣ ва инкорӣ дар шакли падежи именительный бо тарҷума ва мисолҳо оварда мешаванд, масалан:

кто (кого, кому, кого, кем, о ко́м) *мест.* 1. *вопр...* 2. *относ...*

ничто́ (ничего́, ничему́, ничём, ни о чём) *мест. отриц...*

Шаклҳои дигари он дар ҷои худ аз руи тартиби алифбо бо истинод оварда мешаванд, масалан:

ничём *мест. отриц. тв. от* **ничто́**

Феъл

1. Феълҳо дар шакли масдар бо нишон додани намуд ва бо алоқаи вобастагӣ меоянд, масалан:

забы́ть *сов.* 1. *кого-что*, о *ком-чём...*

Агар маъниҳои гуногуни феъл вобастагии гуногун дошта бошанд, онҳо баъди рақаме, ки маъниҳоро ҷудо мекунад, ишора мешаванд, масалан:

выкинуть *сов.* 1. *кого-что...* 2. *что...*

2. Шаклҳои намуди мутлақ ва ғайримутлақ ҳар кадом дар ҷои худ аз руи тартиби алифбо бо қайдҳои махсус (*сов.*, *несов.*) оварда мешаванд. Агар феъл дар як вақт ҳам намуди мутлақ, ҳам намуди ғайримутлақ бошад, он гоҳ ду хел ишора гузошта мешавад, масалан:

мобилизова́ть *сов.*, *несов...*

3. Тарҷума одатан барои феълҳои намуди мутлақ дода мешавад; барои феълҳои намуди ғайримутлақ истинод меояд, масалан:

получа́ть *несов. см.* **получи́ть**

Дар сурате, ки феъл ё маънии он фақат дар намуди ғайримутлақ истифода мешавад, тарҷумааш дар намуди ғайримутлақ дода мешавад. Мисолу фразеологизмҳои дар намуди мутлақ истифоданашаванда дар намуди ғайримутлақ ба кор рафтанаш мумкин аст, масалан:

дава́||ть *несов.* 1. *см.* **дать;..** ◇ **не ~ть прохо́да кому́-л.** касеро безор кардан

Истинодҳо, чун қоида, фақат дар ҳудуди як ҳарф дода мешаванд.

4. Дар луғат шаклҳои маъмули тарзи мафъул бо қайди *страд.* ва тарҷумааш меоянд, масалан:

рисова́ться *несов.* ... 4. *страд.* расм кашида шудан

5. Сифатҳои феълӣ, агар аз рӯи маъно ва мавқеи истифодаашон ба сифат ё исм табдил ёбанд, дар моддаи луғати алоҳида меоянд, масалан:

люби́мый, -ая, -ое 1. *прич.*, *прил.* писандида, азиз, маҳбуб 2. *в знач. сущ.* **люби́мый** *м* маҳбуб, азиз; **люби́мая** *ж* маҳбуба, азиза

6. Агар сифати феълии ба сифат табдильёфта дар навишт аз сифати феълии маъмулӣ тафовут дошта бошад (ра́неный — ра́ненный), он гоҳ дар луғат ҳам сифати феълӣ ва ҳам он сифат оварда мешавад, масалан:

ра́ненный *прич.* (ра́нен, -а, -о)
ра́неный, -ая, -ое

7. Феъли ҳол ба истисноӣ он феълҳои ҳол, ки ба зарф табдил ёфтаанд, дар луғат оварда намешаванд.

Зарф

Зарфҳое, ки бандакашон -о, -е бошад (зарфҳои аз сифат таркибьёфта), дар мавридҳои зерин чун моддаи алоҳидаи луғат меоянд: а) агар зарф маънии ё тобиши маънии дар сифат набударо дошта бошад; б) агар зарф ба ҷои хабар истифода шавад; в) агар зарф дар маъни аз сифат ҳеҷ тафовуте надошта, вале дар нутқ серистеъмол бошад.

Пешояндҳо, префиксҳо, калимаҳои мураккаб

1. Пешояндҳо бо нишон додани падеж ва шарҳи мухтасар оварда мешаванд. Тарҷумаи ҳар маънии пешоянд ва мавриди истифодаи он нишон дода мешавад, масалан:

к (ко) *предлог с дат.* 1. (*указывает направление действия в сторону кого-чего-л.*) ба, ба суи.., ба тарафи.., ба пеши.., ба назди..; **плыть к бе́регу** ба сӯи соҳил шино кардан...

2. Префикс чун моддаи алоҳида дар луғат бо дефис = ва қайди *приставка* оварда мешаванд. Тавзеҳ бо ҳарфҳои курсив ба забони тоҷикӣ дода шуда, баъди он мисолҳо меоянд, масалан:

без= (безъ=, бес=) *приставка бе= префиксест, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *набудани ягон чиз* — **безбиле́тный** бебилет; **бесхара́ктерный** беирода...

Вариантҳои пешояндҳо ва префиксҳо **ко, безо, безъ=, бес=** ва ғ. дар ҷои худ аз руи тартиби алифбо бо мисолҳо ва бо истинод ба шакли асосии он оварда мешаванд, масалан:

ко *предлог ба ҷои «к» пеш аз баъзе калимаҳо кор фармуда мешавад:* **ко мне** ба пеши ман, ба назди ман, ба суи ман;.. *см. тж.* к

3. Қисмҳои таркибии (якум ва дуюми) калимаҳои мураккаб ва мураккаби ихтисоршуда, агар онҳо сермаҳсул бошанд, яъне агар барои сохтани калимаҳои нави русӣ хидмат кунанд, дар моддаи алоҳидаи луғат меоянд, масалан:

вагоно=
жил=
=эта́жный

Пайвандак ва ҳиссача

1. Пайвандакҳо бо аломат ва бо нишон додани мавқеи синтаксии онҳо дар ҷумла оварда мешаванд, масалан:

но I *союз. против.* 1. аммо, лекин...

2. Ҳиссача бо нишон додани хел, бо тавзеҳоташ дар қавсайн ва бо тарҷумааш меояд, масалан:

хоть... 4. *частица усил.* (*даже, по крайней мере*) ақаллан, ҳеҷ набошад...

Нидо

Барои нидо калимаи ҳаммонанди тоҷикии он бе ягон тавзеҳ зикр мегарданд. Барои маъниҳои гуногуни нидоҳои сермаъно тавзеҳот дода мешавад, масалан:

о II *межд.* 1. (*при обращении*) эй, э, аё, ҳой; **о друзья!** эй дустон! 2. (*при выражении удивления, восхищения, сожаления*) эҳ, оҳ, воҳ...

УСЛОВНЫЕ СОКРАЩЕНИЯ

ИХТИСОРАҲОИ ШАРТӢ

ав — авиация — авиация
авто — автомобильный термин — истилоҳи автомобиль
агр.— агрономия — агрономия
анат — анатомия — анатомия
антроп.— антропология — антропология
археол.— археология — археология
архит.— архитектура — архитектура
астр.— астрономия — астрономия
бакт.— бактериология — бактериология
без доп.— без дополнения — бе пуркунанда
безл.— безличная форма — феъли (ҷумлаи) бешахс
биол.— биология — биология
биохим.— биохимия — биохимия
бот.— ботаника — ботаника
бран.— бранное слово, выражение — калимаи (таъбири) хақоратомез
буд.— будущее время — замони оянда
бухг.— бухгалтерский термин — истилоҳи бухгалтерия
вводн. сл.— вводное слово — калимаи туфайлӣ
вежл.— форма вежливости — шакли эҳтиром
вет.— ветеринария — ветеринария
в знач.— в значении...— ба маънии...
вин.— винительный падеж — падежи винительный
воен.— военный термин — истилоҳи ҳарбӣ
воен.-мор.— военно-морской термин — истилоҳи ҳарбии баҳрӣ
возвр.— возвратное — нафси
вопр.— вопросительный — суолӣ
воскл.— восклицание, восклицательная форма — хитобӣ, шакли хитобӣ
вр.— время — замон
в разн. знач.— в разных значениях — ба маъниҳои гуногун
вульг.— вульгарное слово, выражение — калимаи (таъбири) дағал
высок.— высокого стиля — услуби мутантан
г — грамм — грамм
геогр.— география — география
геод.— геодезия — геодезия
геол.— геология — геология
геом.— геометрия — геометрия
геофиз.— геофизика — геофизика
геохим.— геохимия — геохимия
гидр.— гидрология — гидрология
гидротех.— гидротехника — гидротехника
гл.— глагол, глагольный — феъл, феълӣ
горн.— горное дело — маъданшиносӣ, истихроҷи маъдан
грам.— грамматика — грамматика
груб. прост.— грубо-просторечное слово — сухани дурушти омиёна
дат.— дательный падеж — падежи дательный
дет.— детская речь — нутқи кудак
дип.— дипломатия — дипломатия
доп.— дополнение, дополнительное предложение — пуркунанда, ҷумлаи пуркунанда
др.— другой, другие — дигар, дигарон
ед.— единственное число — шакли танҳо
ж — женский род — ҷинси занона
ж.-д.— железнодорожный термин — истилоҳи роҳи оҳан
женск. к...— женский род к...— ҷинси занонаи...
жив.— живопись — рассомӣ
звукоподр.— звукоподражательное слово — калимаи тақлидиовозӣ
зоол.— зоология — зоология
и др.— и другие — ва дигарон — *ва диг.*
им.— именительный падеж — падежи именительный
и пр.— и прочее — ва ҳоказо
ирон.— в ироническом смысле — киноямезона
иск.— искусство — санъат
ист.— история — таърих
и т. д.— и так далее — ва ғайра — *ва ғ.*
и т. п.— и тому подобное — ва монанди инҳо — *ва м. ин*
канц.— канцелярское слово, выражение — калимаи (таъбири) маъмурӣ
карт.— термин карточной игры — истилоҳи бозии қарта
кино — кинематография — кинематография
книжн.— книжное слово, выражение — калимаи (таъбири) китобӣ
ком.— коммерческий термин — истилоҳи тиҷоратӣ
косм.— космонавтика — кайҳоншиносӣ
кратк. ф.— краткая форма — шакли мухтасар
кто-л.— кто-либо — касе
кул.— кулинария — пазандагӣ
л.— лицо — шахс
ласк.— ласкательно — навозишкорона
лес.— лесоводство — ҷангалдорӣ
лингв.— лингвистика — забоншиносӣ
лит.— литература — адабиёт
личн.— личное — шахсӣ
лог.— логика — мантиқ
м — мужской род — ҷинси мардона
мат.— математика — математика
мед.— медицина — тиб
межд.— междометие — нидо
мест.— местоимение — ҷонишин
мет.— металлургия — металлургия
метео — метеорология — метеорология
мех.— механика — механика
мин.— минералогия — минералогия
миф.— мифология — мифология
мн.— множественное число — шакли ҷамъ
многокр.— многократный вид — *намуди бисьёркарата*
мор.— морской термин — истилоҳи баҳрӣ
муз.— музыка — мусиқӣ
напр.— например — масалан — *мас.*
нареч.— наречие — зарф
наст.— настоящее время — замони ҳозира
неизм — неизменяемое — тағйирнашаванда
неодобр.— неодобрительное — мазамматомез
неопр.— неопределенная форма глагола — масдар; неопределенное местоимение — ҷонишини номуайяни шахс

ИНВ. № 22546

нескл.— несклоняемое — тасрифнашаванда
несов.— несовершенный вид — намуди ғайримутлақ
обл.— областное слово, выражение — калимаи (таъбири) лаҳҷавӣ, шевагӣ;
обращ.— обращение — муроҷиат; мухотаб
огранич.— ограничительный — маҳдудкунанда
однокр.— однократный вид — намуди яккарата
одобр.— одобрительно — таҳсиномез
определит.— определительное — муайянкунанда
опт.— оптика — оптика
относ.— относительное — нисбӣ
отриц.— отрицательное — инкорӣ
офиц.— официальный термин — истилоҳи расмӣ
охот.— охотничий термин — истилоҳи шикор
п.— падеж — падеж
палеонт.— палеонтология — палеонтология
пед.— педагогика — педагогика
перен.— переносное значение — маънии маҷозӣ
повел.— повелительное наклонение — сиғаи амр
погов.— поговорка — мақол
полигр.— полиграфия — полиграфия
полит.— политический термин — истилоҳи сиёсӣ
полн. ф.— полная форма — шакли пурра
портн.— портняжное дело — либосдузӣ
посл.— пословица — зарбулмасал
почтит.— эҳтиромомез
поясн.— пояснительный — тавзеҳн
превосх. ст.— превосходная степень — дараҷаи олӣ
предл.— предложный падеж — падежи предложный
презр.— презрительно — кароҳатомезона
пренебр.— пренебрежительное слово, выражение — калимаи (таъбири) беэътиноёна
придат.— придаточное предложение — ҷумлаи пайрав
прил.— прилагательное — сифат
присоед.— присоединительный — паи ҳам
притяж.— притяжательное — соҳибӣ
прич.— причастие — сифати феълӣ
причин.— причинный — сабабӣ
прост.— просторечное слово, выражение — калимаи (таъбири) омиёна
против.— противительный — хилофӣ
прош.— прошедшее время — замони гузашта
прям.— прямое значение — маънии аслӣ
психол. — психология — психология
пчел.— пчеловодство — занбуриасалпарварӣ
радио — радиотехника — радиотехника
разг.— разговорное слово, выражение — калимаи (таъбири) гуфтугӯӣ
разд.— разделительный — ҷудоӣ
рел.— религия — дин
род.— родительный падеж — падежи родительный
рыб.— рыболовство, рыбоводство — моҳигирӣ, моҳипарварӣ
с — средний род — ҷинси миёна
сад.— садоводство — боғдорӣ
сапожн.— сапожное дело — музадузӣ
сказ.— сказуемое — хабар
скорн.— скорняжное дело — муинасозӣ
сл.— слово — калима
словосочет.— словосочетание — ибора
см.— смотри — нигар(ед)
собир.— собирательное — исми ҷомеъ
сов.— совершенный вид — намуди мутлақ
соед.— соединительный союз — пайвандаки пайвасткунанда
сокр.— сокращенно — ихтисоран
сопост.— сопоставительный — қиёсӣ
сочет.— сочетание — таркиб
спец.— специальный термин — истилоҳи махсус
спорт.— спортивный термин — истилоҳи варзиш
ср.— сравни — муқоиса кун(ед)
сравн.— сравнительный — қиёсӣ
сравн. ст.— сравнительная степень — дараҷаи қиёсӣ
стр.— строительное дело — бинокорӣ
страд.— страдательный залог — тарзи мафъул
сущ.— существительное — исм
с.-х.— сельскохозяйственный термин — истилоҳи хоҷагии қишлоқ
твор.— творительный падеж — падежи творительный
т. е.— то есть — яъне
театр.— театральный термин — истилоҳи театр
текст.— текстильное дело — бофандагӣ
техника — техника — техника
тж.— также — инчунин
типогр.— типографский термин — истилоҳи матбаа
тк. ед.— только единственное число — фақат танҳо
тк. мн.— только множественное — фақат ҷамъ
топ.— топография — топография
торг.— торговля — савдо
трансп.— транспорт — нақлиёт
удар.— ударение — зада
указ.— указательное — ишоратӣ
уменьш.— уменьшительное — ...и хурдӣ
уменьш.-ласк.— уменьшительно-ласкательное —...и хурдию навозиш
унич.— уничижительное — таҳқиромез
употр.— употребляется — истифода мешавад
усил.— усилительный — таъкидӣ
усл.— условный — шартӣ
уст.— устарелое слово, выражение — калимаи (таъбири) куҳнашуда
уст. поэт.— устарелое поэтическое слово, выражение — калимаи (таъбири) шоиронаи куҳнашуда
уступ.— уступительный — хилофӣ
утв.— утвердительная частица — ҳиссачаи тасдиқӣ
ф.— форма — шакл
фарм.— фармакология — дорусозӣ, дорушиносӣ
физ.— физика — физика
физиол.— физиология — физиология
филос.— философия — философия, фалсафа
фин.— финансовый термин — истилоҳи молия
фольк.— фольклорное слово, выражение — калимаи (таъбири) фольклорӣ
фото — фотография — фотография
хим.— химия — химия
церк.— церковное слово — калимаи динӣ
числ.— числительное — шумора
что-л.— что-либо — чизе
шахм.— шахматы — шоҳмот
шутл.— шутливое слово, выражение — калимаи (таъбири) шухиомез
эк.— экономика — иқтисодиёт
эл.— электричество, электротехника — электр, электротехника
этн.— этнография — этнография
юр.— юридический термин — истилоҳи адлия

ЗНАКИ
АЛОМАТҲО

|| — часть слова, заменяемая тильдой,— як қисми калима, ки ҷои онро тильда мегирад
// — оттенок значения — тобиши маънии калима
◇ — ромб, знак, отделяющий фразеологию,— ромб, нишонае, ки ибораҳои фразеологиро ҷудо мекунад
≈ — знак подобия — нишонаи шабоҳат

ЛЕКСИКОГРАФИЧЕСКИЕ ИСТОЧНИКИ

Толковый словарь русского языка. Т. I—4. Под ред. Д. Н. Ушакова. М., ГИС, 1935—1940.

Словарь русского языка. В 4-х т. М., ГИС, 1957—1961; 2-е испр. и доп. изд. М., Русский язык, 1981—1984.

Словарь современного русского литературного языка. Т. 1—17. М.—Л., Изд. АН СССР, 1950—1965.

Ожегов С. И. Словарь русского языка. Под ред. Н. Ю. Шведовой. 15-е стереотип. изд. М., Русский язык, 1984.

Даль В. Толковый словарь живого великорусского языка. Т. 1—4. М., ГИС, 1955.

Словарь иностранных слов. 10-е стереотип. изд. М., Русский язык, 1983.

Орфографический словарь русского языка. 20-е стереотип. изд. М., Русский язык, 1983.

Орфоэпический словарь русского языка. Произношение, ударение, грамматические формы. Под ред. Р. И. Аванесова. М., Русский язык, 1983.

Жуков В. П. Словарь русских пословиц и поговорок. 3-е изд., стереотип. М., Сов. Энциклопедия, 1968.

Фразеологический словарь русского языка. Под ред. А. И. Молоткова. 3-е стереотип. изд. М., Русский язык, 1978.

Новые слова и значения. Словарь-справочник по материалам прессы и литературы 60-х годов. Под ред. Н. З. Котеловой, Ю. С. Сорокина. М., Сов. Энциклопедия, 1971.

Алексеев Д. И., Гозман И. Г., Сахаров Г. В. Словарь сокращений русского языка. М., Русский язык, 1977.

Советский Энциклопедический Словарь. М., Сов. энциклопедия, 1980. Политехнический словарь, М., Сов. энциклопедия, 1976.

Русско-таджикский словарь. Под ред. А. П. Дехоти, Н. Н. Ершова. М., ГИС, 1949.

Таджикско-русский словарь. Под ред. М. В. Рахими, Л. В. Успенской. М., ГИС, 1954.

Русско-персидский словарь. Под ред. А. Асадуллаева, Л. С. Пейсикова. М., Сов. Энциклопедия, 1965.

Қалонтаров Я. И. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими. Душанбе, Ирфон, 1965.

Фарҳанги забони тоҷикӣ. М., Сов. Энциклопедия, 1969.

Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Тартибдиҳандаи С. Айни.— Садриддин Айнӣ, Куллиёт, ҷ. 12. Душанбе, Ирфон, 1976.

РУССКИЙ АЛФАВИТ
АЛИФБОИ РУСӢ

Буквы печатные	Название буквы	Буквы печатные	Название буквы	Буквы печатные	Название буквы
А а	а	Л л	эль	Ц ц	цэ
Б б	бэ	М м	эм	Ч ч	чэ
В в	вэ	Н н	эн	Ш ш	ша
Г г	гэ	О о	о	Щ щ	ща
Д д	дэ	П п	пэ	ъ	твёрдый знак
Ее, Ёё	е, ё	Р р	эр	ы	ы
Ж ж	жэ	С с	эс	ь	мягкий знак
З з	зэ	Т т	тэ	Э э	э (оборотное)
И и	и	У у	у	Ю ю	ю
Й й	й (краткое)	Ф ф	эф	Я я	я
К к	ка	Х х	ха		

А

а I *с нескл.* а (*ҳарфи якуми алифбои русӣ*) ◇ **от «а» до «я»** аз аввал то охир; **кто сказал «а», тот должен сказать и «б»** «а» ки гуфтӣ, «б»-ашро ҳам гуй

а II *союз* 1. *против.* аммо, лекин, вале, балки, ... бошад, ва ҳол он ки..., на ин ки..., ≈у (≈ю); **не я, а ты тому виной** дар ин кор ман не, балки ту гунаҳкор; **тебе нужен только отдых, а не лечение** ба ту фақат истироҳат даркор аст, на муолиҷа 2. *союз сопост.*: **мы говорим, а время идёт** мо бо гап овораю вақт гузашта истодааст; **такой старик, а работает** ин қадар пир бошад ҳам, боз кор мекунад; **что ни говори, а он прав** ҳар чӣ гуӣ ҳам, гапи вай ҳақ аст 3. *присоед.* ва, лекин, аммо, вале; **мне стало грустно, а почему, и сам не знаю** дилам танг шуд, аммо сабабашро худам ҳам намедонам 4. *присоед.-усил.* (*при вопросительном перечислении*) -чӣ; **что ты сегодня делаешь?, а завтра?, а послезавтра?** ту имрӯз чӣ кор мекунӣ?, фардо-чӣ?, пасфардо-чӣ? 5. *усил.* чӣ қадар; ҳар чӣ бошад ҳам; **а уж как мы будем рады вашему приезду!** аз омаданатон чӣ қадарҳо хурсанд мешавем!; **а я всё-таки не согласен** ҳар чӣ бошад ҳам, ман розӣ не ◇ **а вдруг** [ба] ногоҳ ...-чӣ, [ба] ноҳост ...-чӣ, рафту..., раваду...; **а вдруг дождь!** ноҳост борон борад-чӣ!; **а если** агар, мабодо, рафту..., раваду..., -чӣ; **а если они не приедут?** онҳо наоянд-чӣ?; **а между тем** ва ҳол он ки..., аммо; **а ну как** раваду..., агар; **а ну как он не придёт?** раваду вай наояд?; **а [не] то...** 1) (*иначе*) вагарна, набошад, дар акси ҳол; **торопись, а [не] то опоздаешь** шитоб кун, вагарна дер мемонӣ 2) (*потому что*) чунки, ки...; **закрой дверь, а то дует** дарро пуш, ки шамол медарояд 3) (*или, или же*) ё, ё ки...; **выпей чаю, а то пойди отдохни** чой нӯш, ё ки рафта дам гир; **а хоть бы, а хотя бы** хайр-дия, ҳеҷ гап не, фарз кунем, масалан; **кто это должен сделать? — А хотя бы и вы** инро кӣ бояд кунад? — Масалан, худи шумо; **а ну его!** э, мон, дафъ шавад!; **а кто его знает!** кӣ медонад!

а III *частица разг.* 1. *побуд.* а, о, ҳо; **дедушка, а дедушка!** бобо, ҳо бобо! 2. *вопр.* а, ҳа, хуш; **ты куда пойдёшь, а?** хӯш, ту [ба] куҷо меравӣ?; **а? что такое?** ҳа? чӣ гап?

а IV *межд.* 1. (*выражает удивление, догадку, злорадство*) а, эҳа, оҳ, вой, ҳа, ваҳ; **а, вы уже здесь!** эҳа шумо дар ин ҷо-ку!; **а! ты так!** ҳа ту ин тавр мекунӣ!; **как он его пробрал, а!** уро хуб боб кард, а! 2. (*выражает решимость*): **а! была не была!** э!; хайр!, э! таваккал!, ҳар чӣ бодо бод!; **а! не до слов теперь!** э! ҳоло вақти гап не! 3. (*выражает ужас, отчаяние, боль*) вой, воҳ, э воҳ, ой, а

а- *приставка* (*пеш аз садонокҳо ан-*) *префикси калимаҳои хориҷӣ дар забони русӣ, ки муродифи префикси «без-» ё «но-» мебошад:* **асимметрия** асимметрия; **асептика** асептика; **анаэробы** анаэробҳо

абажур *м* абажур, сарпуши чароғ, қуббаи чароғ, болопушаки лампа

абазин *м* абаза; *см.* **абазины**

абазинка *ж* абазазан, абазадухтар, зани (духтари) абаза; *см.* **абазины**

абазинский, -ая, -ое ...и абаза, ...и абазаҳо; **~ язык** забони абаза

абазины *мн.* абазаҳо (*як қисми аҳолии Вилояти Автономии Қарочаю Чаркас*)

абак *м* 1. *архит.* боша, овашк, сарсутун 2. *ист.* хатчуб, тахта (*навъи чут*)

абака *ж см.* **абак** 1

аббат *м* аббат (*пири дайри католики*)

аббатский, -ая, -ое ...и аббат

аббатство *с* аббатӣ (*дайри католики бо амлокаш ва унвони аббат*)

аббревиатура *ж* аббревиатура (1. *калимаи мураккаби мухтасаршуда, мас.: «комиҷроия», «колхоз»* 2. *ихтисори шартии маъмули калимаҳо, мас.: «ниг.» ба ҷои «нигар», «ва ғ.» ба ҷои «ва ғайра»*)

абдуктор *м анат.* абдуктор (*яке аз мушакҳои кашандаи бадан*)

абдукторный, -ая, -ое абдукторӣ, ...и абдуктор; **~ рефлекс** *физиол.* рефлекси абдукторӣ

аберрация *ж.* 1. *астр.* аберрация (*майлони зоҳирии ҷисмҳои осмонӣ аз мавқеи аслии онҳо*) 2. *физ.* аберрация (*тасвирро вайрон нишон додани асбобҳои оптики*) 3. *перен. книжн.* хато, иштибоҳ

абзац *м* 1. абзац, сарсатр, сари сатр; **начать писать с ~а** аз абзац сар карда навиштан 2. абзац, банд (*матни миёни ду сарсатр*); **прочитать два ~а** ду абзац хондан

абиссальн||ый, -ая, -ое *геол.* абиссалӣ, умқӣ; **~ая зона** минтақаи абиссали

абиссинцы *мн. уст. см.* **эфиопы**

абитуриент *м* абитуриент (1. *тамомкунандаи мактаби миёна* 2. *дохилшавандаи мактаби олӣ*)

аблактировать *сов., несов. что сад.* ҷуфтпайванд кардан

аблактировка *ж сад.* ҷуфтпайванд

аболиционизм *м* аболиционизм (*ҳаракати ҷамъиятие, ки барои бекор кардани ягон қонун равона шудааст*)

аболиционист *м* тарафдори аболиционизм

абонемент *м* абонемент, обуна, варақаи обуна; **межбиблиотечный ~** абонементи байни китобхонаҳо; **~ в театр** абонементи театр

абонементный, -ая, -ое ...и абонемент, абонементи, ...и обуна; **~ концерт** концерти абонементи

абонент *м* абонент, абонементдор, обуначӣ, соҳиби абонемент; **~ телефонной сети** абоненти телефон

абонентный, -ая, -ое ...и абонент(ҳо), абоненти, ...и абонементдор, ...и обуначӣ; **~ отдел** шуъбаи абонентҳо

абонировать *сов., несов. что уст.* мувофиқи абонемент гирифтан

абонироваться *сов., несов. на что уст.* соҳиби абонемент шудан, абонент (обуна) шудан; **~ на оперу** ба опера абонент шудан, абоненти опера шудан

абордаж *м. воен.-мор.* абордаж (*усули қадимии ҷанги баҳрӣ*); **брать (взять) на ~** 1) абордаж кардан (*ба киштии душман ҷафс шуда ҳуҷум кардан*); 2) *перен.* часпидан, дарафтодан, ҳамла кардан

абориген *м* сокини аслӣ, тагҷоӣ, тубҷоӣ, муқимӣ

аборигенный, -ая, -ое тагҷоӣ, тубҷоӣ, муқимӣ

аборт *м* аборт, бачапартоӣ, бачапартоӣ, искоти ҳамл

абортивн||ый, -ая, -ое 1. *мед.* абортӣ, ...и аборт, ...и бачапартоӣ, ...и бачапартоӣ; **~ые средства** воситаҳои

аборт, доруҳои бачапартоёнӣ 2. *биол.* муррук, норасида, инкишофнаёфта; **\~ые органы растений** узвҳои мурруки растаниҳо

абразивн||ый, -ая, -ое абразивӣ, ...и абразивҳо; **\~ые материалы** *см.* **абразивы**; **\~ая промышленность** саноати абразивҳо; **\~ый инструмент** асбоби абразивӣ

абразивы *мн.* (*ед.* **абразив** *м*) абразивҳо (*моддаҳои регмонанд ё хокаи бисьёр сахт аз қабили хокаи чилбур, алмос ё хокаи шиша, ки барои суфтагарӣ кор фармуда мешавад*)

абракадабра *ж* жожу мож, сафсата, ёва, ҳарза

абрек *м* 1. *ист.* абрак (*аҳли кӯҳистон, ки дар давраи ба Россия ҳамроҳ кардани Кавказ ба муқобили маъмурият ва қушуни подшоҳи рус мубориза мебурд*) 2. *перен. уст.* роҳзани кӯҳистонӣ

абрикос *м* (*дерево*) дарахти зардолу; (*плод*) зардолу

абрикосный, -ая, -ое *разг. см.* **абрикосовый**

абрикосов||ый, -ая, -ое ...и зардолу; ...и дарахти зардолу; **\~ая косточка** донаки зардолу; **\~ый компот** зардолуоб, ғулунгоб; **\~ое дерево** дарахти зардолу

абрикотин *м* абрикотин, ликёри зардолу

абрис *м* расми хомаки, тарҳ, суроб, абрис

абсент абсент, араки явшон

абсентеизм *м полит.* абсентеизм (*ба тариқи эътироз саркашӣ кардан аз иштироки интихобот ва ҳозир нашудан ба маҷлисҳо дар мамлакатҳои буржуазӣ*)

абсолют *м филос.* абсолют, зоти мутлақ, худо (*дар фалсафаи идеалистӣ — асоси абадӣ ва тағйирнопазири олам*)

абсолютизировать *сов., несов. что филос.* мутлақ, шуморидан (донистан)

абсолютизм *м полит.* мутлақият, истибдод, ҳокимияти мутлақа, салтанати мустабидда, абсолютизм

абсолютист *м полит.* мутлақиятхоҳ, мутлақиятпараст, истибдодпараст

абсолютистск||ий, -ая, -ое *полит.* ...и мутлақият, ...и истибдод, мутлақа; ...и мутлақиятпараст, мутлақиятпарастона; **\~ая форма правления** ҳокимияти мутлақа

абсолютно *нареч.* мутлақо, қатъиян, комилан, тамоман; **\~ верно** тамоман дуруст аст

абсолютность *ж* мутлақ будан(и)

абсолютн||ый, -ая, -ое (абсолют|ен, -на, -но) 1. (*безусловный*) мутлақ; **\~ый прирост населения** афзоиши мутлақи аҳолӣ 2. (*полный*) комил, мутлақ, том; **\~ый покой** оромии комил; **\~ая тишина** хомӯшии том ◇ **\~ое большинство** аксарияти том; **\~ая истина** *филос.* ҳақиқати мутлақ; **\~ая монархия** ҳокимияти мутлақа; **\~ый нуль** *физ.* нули мутлақ (*сардии* 273,16°С); **\~ая прибавочная стоимость** *эк.* арзиши изофаи мутлақ; **\~ый слух** қувваи мутлақи сомеа; **\~ая температура** *физ.* ҳарорати мутлақ; **\~ый чемпион** чемпиони мутлақ

абсорбировать *сов., несов. что физ., хим.* абсорбция кардан, ҷаббидан, ба худ кашидан, фуру бурдан

абсорбционный, -ая, -ое *физ., хим.* абсорбционӣ, ...и абсорбция, ...и ҷаббиш, ...и фурубарӣ, ҷаббанда

абсорбция *ж физ., хим.* абсорбция, ҷаббиш, фурубарӣ, бахудкашӣ; **\~ звука** абсорбцияи садо; **\~ света** абсорбцияи рушноӣ

абстрагирование *с* (*по знач. гл.* **абстрагировать**) абстракция (таҷрид) кардан(и); (*по знач. гл.* **абстрагироваться**) фикран истисно кардан(и)

абстрагировать *сов., несов. что* абстракция (таҷрид) кардан

абстрагироваться 1. *сов., несов. от чего* фикран истисно кардан, ба назар нагирифтан 2. *несов. страд.* абстракция (таҷрид) карда шудан

абстрактно *нареч.* ба тарзи муҷаррад (мавҳум, абстракт); **\~ мыслить** ба тарзи муҷаррад фикр кардан

абстрактность *ж* муҷаррад (мавҳум, абстракт) будан(и)

абстрактн||ый, -ая, -ое (абстракт|ен, -на, -но) муҷаррад, мавҳум, абстракт; **\~ая истина** *филос.* ҳақиқати абстракт; **\~ое мышление** тафаккури абстракт; **\~ое рассуждение** мулоҳизаи мавҳум

абстракционизм *м* абстракционизм (*ҷараёни бағоят шаклпараст дар санъати рассомии асри 20-ум ки пайравони он оламы воқеиро бо василаи шаклҳои мавҳум ва доғу лаккаҳо тасвир мекунанд*)

абстракционист *м* абстракционист, пайрави абстракционизм

абстракция *ж филос.* 1. абстракция (*ба мақсади муайян кардани аломатҳои муҳим ва қонунии предмет фикран соқит намудани ин ё он ҷиҳат, хосият ва ё алоқаҳои ғайримуҳимми предмет*) 2. мафҳуми муҷаррад, хулосаи назарӣ

абсурд *м* сафсата, ёва, ҳарза, музахраф; **довести до \~а** то ба дараҷаи сафсата расондан

абсурдиость *ж* бемаънӣ (ҳарза) будан(и); **\~ этого утверждения очевидна** бемаънӣ будани ин даъво равшан аст

абсурдный, -ая, -ое (абсурд|ен, -на, -но) бемаънӣ, ҳарза; **\~ вывод** хулосаи бемаънӣ

абсцесс *м мед.* абсцесс, варами фасоднок (*монанди чипқон, пучак ва ғ.*)

абсцисса *ж мат.* абсцисса (*яке аз се координат, ки мавқеи нуқтаро дар фазо муайян мекунад*)

абулия *ж мед.* абулия (*беморие, ки гирифтори он суситирода ва беҳавсала мешавад*)

абхаз, абхазец *м* абхоз, абхозӣ; *см.* **абхазы**

абхазка *ж* абхоззан, абхоздухтар, зани (духтари) абхоз(ӣ); *см.* **абхазы**

абхазский, -ая, -ое абхозӣ, ... и абхозҳо, ...и абхозиҳо, ...и Абхозистон; **\~ язык** забони абхозӣ

абхазцы, абхазы *мн.* абхозҳо, абхозиҳо (*аҳолии асосии РАСС Абхозистон*)

авангард *м* 1. *воен.* авангард, дастаи авангард 2. *перен.* авангард, пешсаф, пешқадам, пешоҳанг; **коммунистическая партия — \~ рабочего класса** партияи коммунистӣ авангарди синфи коргар аст

авангардизм *м* авангардизм (1. *ҷидду ҷаҳди ин ё он гурӯҳи ҷамъиятӣ барои сарвар шудан ба корс* 2. *номи умумии баъзе равияҳои санъат дар асри 20-ум ки ба он дур шудан аз реализм ва ҷустуҷӯи воситаҳои нави инъикос ва шаклҳои нави асарҳо хос аст*)

авангардистск||ий, -ая, -ое ...и авангардизм, авангардӣ; **\~ое искусство** санъати авангардӣ; **\~ие течения** ҷараёни авангардӣ

авангардн||ый, -ая, -ое 1. *воен.* авангардӣ, ...и авангард; **\~ые бои** ҷанги дастаҳои авангард 2. *перен.* авангардӣ, пешсафӣ, пешқадамӣ, пешоҳангӣ; **\~ая роль рабочего класса** роли авангардии синфи коргар

аванзал *м уст.* аванзал, пештолор (*хонае, ки аз вай ба зали асосӣ медароянд*)

аванложа *ж театр.* аванложа, пешайвони ложа

аванпорт *м мор.* аванпорт, пешбандар

аванпост *м уст. воен.* аванпост, пешқаровул, дастаи пешқаровул

аванс *м* аванс, бунак, пешмузд, байъона; **получить \~** аванс гирифтан ◇ **делать \~ы** *кому* умедвор кардан, майли муошиқат кардан (*аз тарафи зан*)

авансирование *с* (*по знач. гл.* **авансировать**) авансдиҳӣ, бунакдиҳӣ, аванс додан(и); (*по знач. гл.* **авансироваться**) авансгирӣ, бунакгирӣ, аванс гирифтан(и)

авансировать *сов., несов. кого-что* аванс (бунак) додан

авансироваться 1. *сов., несов.* аванс (бунак)гирифтан 2. *несов. страд.* аванс (бунак) дода шудан

авансовый, -ая, -ое авансӣ, ...и аванс, ...и бунак; **\~ отчёт** ҳисоботи авансӣ

авансом *нареч. разг.* пешакӣ

авансцена *ж театр.* авансцена, пешсаҳна

авантажный, -ая, -ое (авантаж|ен, -на, -но) *уст. разг.* бокарруфар, хушсурат, бошукуҳ; **\~ вид** қиёфаи бошукуҳ

авантюр||а *ж* 1. *уст.* ҳангома; **любовные \~ы** ишқбозӣ, ишқварзӣ 2. моҷаро; **политическая \~а** моҷарои сиёсӣ; **военная \~а** моҷарои ҳарбӣ

авантюризм *м* моҷароҷӯӣ, авантюризм; **политический \~** моҷароҷӯии сиёсӣ; **впасть в \~** ба роҳи моҷароҷӯӣ афтодан

авантюрист *м* моҷароҷӯй, авантюрист

авантюристическ||ий, -ая, -ое ...и

моҷароҷӯӣ, моҷароҷӯёна, авантюристӣ, ...и авантюризм; ~ая **политика** сиёсати авантюристӣ

авантюристка *женск. к* **авантюрист**

авантюристский, -ая, -ое ...и моҷароҷуӣ, ...и авантюрист

авантюрн||ый, -ая, -ое 1. ...и моҷароҷуӣ, моҷароҷуёна; ~**ое предприятие** амали моҷароҷуёна 2. пур аз ходиса, пурмоҷаро, ҳангомавӣ; ~**ый роман** романи пурмоҷаро

аварец *м* авар, аварӣ; *см.* **аварцы**

аварийность *ж* аварияноки; **борьба с** ~**ю** муборизаи зидди аварияноки

аварийн||ый, -ая, -ое 1. ...и авария; ба авария дуҷоршуда; ~**ый сигнал** сигнали авария; ~**ый случай** авария, фалокат, садама 2. авария дафъкунанда; ~**ая бригада** бригадаи дафъи авария

аварийщик *м* аварияҷӣ (1. *разг. касе, ки авария ё оқибати онро бартараф медиҳад 2. прост. каси мусоҳиликоре, ки ба авария роҳ медиҳад)*

авари||я *ж* 1. авария, садама, фалокат; **потерпеть** ~**ю** дуҷори авария шудан 2. *перен. разг.* нокомӣ, бемуваффақиятӣ, нобарорӣ

аварка *ж* аварзан, авардухтар, аваризан, аваридухтар, зани (духтари) аварӣ; *см.* **аварцы**

аварский, -ая, -ое аварӣ, ...и аварҳо, ...аварихо; ~ **язык** забони аварӣ

аварцы *мн.* аварҳо, аварихо *(яке аз халқҳои РАСС Доғистон)*

авары *мн.* аварҳо *(қабилаҳои туркнажод, ки дар асри 6-ум ба атрофи Дунай сар даровардa, давлатеро ташкил дода буданд ва он давлат то асри 8 вуҷуд дошт)*

авгиев, -а, -о: ~**ы конюшни** саисхонаҳои Авгий *(маҳозан ҷои аз ҳад зиёд ифлос ва бетартиб; ин ибора аз асотири юнониҳо ба истеъмол даромадааст ва ахтахонаҳои подшоҳ Авгийро, ки гуё сӣ сол норуфтаву нотоза монда будаанду онҳоро Геракл дар як рӯз бо оби дарьё тоза кардааст, дар назар дорад)*

авгур *м* 1. *ист.* авгур *(коҳини Рими Қадим, ки гуё аз рӯи парвоз ва фарьёди мурғон хости худоҳоро тафсир медодааст)* 2. *перен. ирон.* фолбин, раммол *(касе, ки донишӣ худро зери пардаи асрор мегирад ва чунон вомемояд, ки аз сирри махсус хабар дорад)*

август *м* август, моҳи август

августейший, -ая, -ее ҳазрати ҳумоюн

августовск||ий, -ая, -ое ...и август, ...и моҳи август, августи; ~**ое утро** субҳи рӯзи август

Авеста *ж* Авесто *(китоби муқаддаси дини зардуштӣ)*

авиа: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «авиационӣ», «ҳавоӣ»:* **авиазавод** заводи авиационӣ; **авиаразведка** разведкаи ҳавоӣ, авиаразведка

авиабаза *ж* базаи авиация

авиабензин *м* бензини авиационӣ, авиабензин

авиабомба *ж* бомбаи авиационӣ, авиабомба

авиагоризонт *м ав.* авиагоризонт *(асбобе, ки мавқеи самолётро нисбат ба уфуқ нишон медиҳад)*

авиадвигатель *м* муҳаррики (двигатели) авиационӣ, муҳаррики (двигатели) самолёт, авиадвигатель

авиадесант *м* десанти авиационӣ, авиадесант

авиадесантн||ый, -ая, -ое ...и десанти авиационӣ, ...и авиадесант; ~**ые части** қисмҳои авиадесант

авиазавод *м* заводи авиационӣ, заводи самолётсозӣ

авиаконструктор *м* авиаконструктор, конструктори самолётҳо ва муҳаррикҳои авиационӣ

авиалиния *ж* роҳи ҳавоӣ (авиационӣ)

авиамаяк *м* минои авиационӣ

авиаметеослужба *ж* умури метеорологии авиация, идораи ҳавосанҷии авиация

авиамоделизм *м* авиамоделизм *(сохтани модельҳои авиационӣ)*

авиамоделист *м* авиамодельчӣ, созандаи модели авиационӣ

авиамодель *ж* модели авиационӣ, авиамодель

авиамодельный, -ая, -ое ...и авиамодель; ...и авиамоделизм; ~ **кружок** кружоки авиамоделизм

авианосец *м* авианосец, авиакаш

авиапарк *м* авиапарк, парки авиационӣ *(ҷои ист ва таъмири самолётҳо)*

авиапочта *ж* авиапочта, почтаи ҳавоӣ

авиаразведка *ж* разведкаи ҳавоӣ, авиаразведка

авиастроение *с* самолётсозӣ

авиастроительный, -ая, -ое ...и самолётсозӣ

авиасъёмка *ж* авиасуратгирӣ, авианақшагирӣ

авиатехник *м* техники авиация, авиатехник

авиатор *м* ҳавонавард, авиатор

авиаторский, -ая, -ое ...и ҳавонавард, ...и авиатор

авиатрасса *ж* роҳи ҳавоӣ

авиационн||ый, -ая, -ое авиационӣ, ...и авиация; ~**ые приборы** асбобҳои авиационӣ

авиаци||я *ж* 1. авиация, ҳавопаймоӣ; **развитие** ~**и** инкишофи авиация 2. авиация, самолётҳо, флоти ҳавоӣ; **гражданская** ~**я** авиацияи гражданӣ; **военная** ~**я** авиацияи ҳарбӣ

авиачасть *ж* қисми ҳарбии авиационӣ

авиашкола *ж* мактаби авиация

авиетка *ж уст.* авиетка *(самолёти хурди сабуквазн)*

авиз *м см.* **авизо** I

авизо I *с нескл. фин.* авизо *(огоҳинома дар хусуси фиристода шудани пул, мол ва ғ.)*

авизо II *с нескл. воен.-мор.* авизо *(киштии хурди тезгарди ҳарбӣ барои разведка ва алоқа дар баъзе мамлакатҳои хориҷӣ)*

авитаминоз *м мед.* авитаминоз *(беморие, ки дар натиҷаи набудан ё камии витамин пайдо мешавад)*

авитаминозный, -ая, -ое ...и авитаминоз

авось *частица разг.* эҳтимол, шояд, мумкин аст ки..., аҷаб не ки...; ~, **не опоздаем** шояд дер намонем ◇ **на** ~ таваккалан; **идти на** ~ таваккал кардан; ~ **да как-нибудь до добра не доведут** *посл.* ≈ бори каҷ ба манзил намерасад

авоська *ж разг.* турхалта, халтаи тур

аврал *м* 1. *мор.* аврал *(кор дар киштӣ бо иштироки тамоми команда)* 2. *перен. разг.* ҳашар

авральн||ый, -ая, -ое ...и аврал, авралӣ, таъҷилӣ; ~**ая работа** кори таъҷилӣ

австралиец *м* австралиягӣ

австралийка *ж* австралиягизан, австралиягидухтар, зани (духтари) австралиягӣ

австралийский, -ая, -ое австралиягӣ, ...и австралиягиҳо, ...и Австралия

австралийцы *мн.* австралиягиҳо, халқи Австралия

австриец *м* австриягӣ

австрийка *ж* австриягизан, австриягидухтар, зани (духтари) австриягӣ

австрийский, -ая, -ое австриягӣ, ...и австриягиҳо, ...и Австрия

австрийцы *мн.* австриягиҳо, халқи Австрия

автаркия *ж эк.* автаркия *(сиёсати хоҷагидории баъзе мамлакатҳои капиталистӣ, ки хоҷагии худро алоҳида ву ҷудо аз дигарон пеш бурдани мешаванд)*

авто *с нескл. разг.* авто, автомобиль

авто: I *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «автомобилӣ», «...и автомобиль»:* **автозавод** заводи автомобильсозӣ; **автоцистерна** автоцистерна, автомобили цистернадор

авто: II *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «автоматӣ»:* **автоблокировка** автоблокировка, автоблоконӣ

авто: III *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «худгард», «худкор»:* **автодрезина** дрезинаи худгард; **авторучка** авторучка, қалами худнавис

авто: IV *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «худ», «аз они худи»:* **автобиография** тарҷумаи ҳоли худ

автобаза *ж* автобаза *(муассисаи нақлиёти боркашонӣ, инчунин ҷои ист ва таъмири автомобильҳо)*

автобиографическ||ий, -ая, -ое тарҷумаиҳолӣ, ...и тарҷумаи ҳоли худ, автобиографӣ; ~**ая повесть** повести тарҷумаиҳолӣ

автобиография *ж* тарҷумаи ҳоли худ, автобиография

автоблокировка *ж* автоблокировка, автоблоконӣ *(системаи автоматии танзими ҳаракати поездҳо)*

автоблокировочный, -ая, -ое ...и автоблокировка, ...и автоблоконӣ

автобус *м* автобус

автóбусн||ый, -ая, -ое ...и автобус(ҳо); ~**ое движение** ҳаракати (рафтуомади) автобусҳо

автовокзáл *м* автовокзал, вокзали автомобиль(ҳо)

автогéнн||ый, -ая, -ое *тех.* автогенӣ; ~**ая сварка** пайванди (кафшери) автогенӣ; ~**ая рéзка метáллов** буридани автогении металлҳо

автогéнщик *м* автогенчӣ *(коргаре, ки бо кафшер ва буридани автогении металлҳо машғул мешавад)*

автóграф *м* автограф *(1. дастхати аслии муаллиф, хат ё имзои худи нависанда 2. тех. асбоби худнавис)*

автогрéйдер *м* автогрейдер

автогужевóй, -ая, -óе ...и автомобилу ароба; ~ **трáнспорт** нақлиёти автомобилу ароба

автодорóжный, -ая, -ое ...и роҳҳои автомобильгард; ...и роҳсозӣ; ~ **тéхникум** техникуми роҳсозӣ

автодрезúна *ж* автодрезина, дрезинаи худгард

автодрóм *м* автодром *(майдони санҷиши автомобильҳо)*

автожúр *м* автожир *(навъи кӯҳнашудаи вертолёт)*

автозавóд *м* автозавод, заводи автомобильсозӣ

автозапрáвка *ж* бензингирии автомобиль(ҳо)

автозапрáвочн||ый, -ая, -ое ...и бензингирии автомобиль(ҳо); ~**ая стáнция** станцияи бензингирии автомобиль(ҳо)

автоинспéктор *м* автоинспектор, инспектори (нозири) автомобильҳо

автоинспéкция *ж* автоинспекция *(назорати аз рӯи қоида рондани автомобильҳо ва идорае, ки ин назоратро ба ҷо меоварад)*

автокáмера *ж* камераи автомобиль, автокамера

автокáр *м*, **автокáра** *ж ж.-д.* автокар, автокара *(аробачаи худгарди боркашонӣ)*

автоклáв *м* автоклав *(зарфе, ки дар он бо фишору ҳарорати баланд таҷрибаҳои гуногуни физикию химиявӣ мегузаронанд)*

автоколóнна *ж* автоколонна, колоннаи автомобиль(ҳо)

автокрáн *м* автокран, крани борбардори худгард

автокрáт *м книжн.* ҳокими мутлақ, мустабид, автократ

автократúческий, -ая, -ое *книжн.* ...и ҳокимияти мутлақа, ...и истибдод, автократӣ, ...и автократия

автократúя *ж книжн.* ҳокимияти мутлақа, истибдод, автократия

автокружóк *м* автокружок, гурӯҳи дӯстдорони автомобиль

автóл *м тех.* автол *(равғани молидании барои двигательҳои автомобилу тракторҳо)*

автолáвка *ж* дукони автомобилӣ, дукони сайёр

автолюбúтель *м* дӯстдори автомобиль

автомагистрáль *ж* автомагистраль, роҳи автомобильгард

автомастерская *ж* таъмирхонаи автомобиль(ҳо)

автомáт *м* автомат *(1. асбоби худкор 2. милтиқи автоматӣ)*

автоматизация *ж (по знач. гл.* **автоматизировать)** автоматонӣ, автоматизация кардан(и); ~ **произвóдства** автоматонии истеҳсолот

автоматизúровать *сов., несов. что* автоматонидан, автоматӣ кунондан, автоматизация кардан; ~ **управление агрегáта** идора кардани агрегатро автоматӣ кунондан

автоматизм *м* худ ба худ (беихтиёрона) будан(и); ~ **движéний** худ ба худ будани ҳаракат

автоматика *ж* автоматика *(1. назария ва принципҳои ташкили системаи идоракунии процессҳои техникӣ аст, ки бе иштироки бевоситаи одам амал мекунанд 2. ҷамъи механизму асбобҳои худкор)*

автоматúчески *нареч.* 1. ба таври автоматӣ 2. худ ба худ, беихтиёрона

автоматúческ||ий, -ая, -ое 1. автоматӣ, худкор; ~**ий тóрмоз** тормози автоматӣ; ~**ая телефóнная станция** станцияи телефонии автоматӣ 2. худ ба худ, беихтиёр; ~**ое движéние** ҳаракати беихтиёр

автоматúчность *ж* худ ба худ (беихтиёрона) будан(и)

автоматичный, -ая, -ое (автоматич|ен, -на, -но) худ ба худ, беихтиёрона

автоматн||ый, -ая, -ое ...и автомат; **дать** ~**ую óчередь** аз автомат тир холӣ кардан

автоматчик *м* автоматчӣ *(1. касе, ки дар истеҳсолот ба автомат назорат мекунад 2. воен. ҷанговари бо автомат мусаллаҳ)*

автомашúна *ж* автомошин, автомобиль

автомехáник *м* автомеханик, механики автомобиль

автомобилестроéние *с* автомобильсозӣ

автомобилúзм *м* автомобилизм, спорти автомобильронӣ

автомобилúст *м* автомобильчӣ, автомобильрон

автомобúль *м* автомобиль; **легковóй** ~ автомобили сабукрав; **грузовóй** ~ автомобили боркаш

автомобúльный, -ая, -ое автомобилӣ, ...и автомобиль; ...и автомобильсозӣ; ~ **трáнспорт** нақлиёти автомобилӣ; ~ **завóд** заводи автомобильсозӣ

автомотрúса *ж ж.-д.* автомотриса *(вагони моторноки роҳи оҳан)*

автонóмия *ж* автономия, мухторият; **национáльная** ~ автономияи миллӣ

автонóмность *ж* автономӣ, мухторият, мухтор (автономӣ) будан(и)

автонóмн||ый, -ая, -ое (автоном|ен, -на, -но) автономӣ, мухтор, мухториятдор, соҳибихтиёр; ~**ая респýблика** республикаи автономӣ

автопáрк *м* автопарк *(ҷои ист ва таъмири автомобильҳо)*

автоперевóзка *ж* боркашонии автомобилӣ

автопередвижн||óй, -áя, -óе сайёр; ~**áя мастерскáя** корхонаи сайёри таъмири автомобиль(ҳо)

автопилóт *м* автопилот *(асбоби идоракунии автоматии самолёт)*

автопогрузчик *м* автомобили боркунанда

автопóезд *м* автопоезд *(автомобили боркашонӣ, ки як ё якчанд прицеп дорад)*

автопоéние *с с.-х.* обдиҳии автоматӣ; ~ **скота** обдиҳии автоматии ҳайвонот

автопóилка *ж с.-х.* обдоии (обхӯраки) автоматӣ

автопортрéт *м* автопортрет

автопробéг *м* пойгаи автомобильҳо, мусобиқаи автомобильронӣ

áвтор *м* муаллиф, мусанниф; ~ **произведéния** муаллифи асар

авторáлли *с нескл.* авторалли

авторемóнтн||ый, -ая, -ое ...и таъмири автомобиль(ҳо); ~**ые мастерскúе** корхонаи таъмири автомобиль(ҳо)

автореферáт *м* автореферат *(мазмуни мухтасари рисола, ки худи муаллиф навиштааст)*

авторизáция *ж* авторизация *(тарҷумаи асари худ ё нусхаи сурати кашидаи худ ва ғ.-ро расман маъқул донистан ё ба паҳн кардани асари худ рухсат додани муаллиф)*

авторизóванный, -ая, -ое авторизацияшуда; ~ **перевóд** тарҷумаи авторизацияшуда

авторизовáть *сов., несов. что* авторизация кардан

авторитáрность *ж книжн.* 1. авторитарӣ будан(и) 2. ҳукмраво будан(и)

авторитáрный, -ая, -ое (авторитáр|ен, -на, -но) *книжн.* 1. авторитарӣ *(ба итоати бечуну чаро асосьёфта)*; ~ **режúм** *полит.* режими авторитарӣ, усули идораи авторитарӣ 2. ҳукмраво *(ба гузаронидани нуфузу эътибори худ кушишкунанда)*

авторитéт *м* 1. обру, эътибор, нуфуз; **пóльзоваться** ~**ом** обру доштан; **заслужúть** ~ обрӯ пайдо кардан 2. авторитет, шахси обруманд (боэътибор, мӯътабар); **он для меня во всём** ~ у барои ман аз ҳар ҷиҳат мӯътабар аст

авторитéтно *нареч.* 1. обрумандона, бо эътибор, бо нуфуз 2. омирона, ҳукмфармоёна

авторитéтность *ж* обрумандӣ, эътиборнокӣ, салоҳиятдорӣ

авторитéтн||ый, -ая, -ое (авторитéт|ен, -на, -но) 1. обруманд, эътиборнок, мӯътабар, бонуфуз; ~**ый учёный** олими мӯътабар; ~**ое мнéние** фикри эътиборнок 2. омирона, ҳукмфармоёна; **говорить** ~**ым тóном** бо оҳанги омирона гап задан

áвторск||ий, -ая, -ое муаллифӣ, ...и муаллиф, таълифӣ, ...и таълиф; ~**ое прáво** ҳуқуқи муаллифӣ; ~**ие примечáния** эзоҳоти муаллиф; ~**ий гонорáр** ҳаққи қалам; ~**ий лист** ҷузъи таълифӣ

авторство *с* муаллифӣ, муаллиф будан(и); **установить чьё-л.** ~ муаллиф будани касеро муайян кардан

авторучка *ж* авторучка, калами худнавис

автосани *тк. мн.* авточана *(автомобили барфгард, ки чархҳои пешаш лыжа дорад)*

автосборка *ж* васли қисмҳои автомобиль

автосборочный, -ая, -ое ...и васли автомобиль

автоспорт *м* автоспорт, варзиши автомобиль

автостанция *ж* станцияи автомобиль(хо)

автостоп *м ж.-д.* автостоп *(аппарати ба таври автоматӣ боздоштани поезд)*

автострада *ж* автострада, роҳи автомобильгард

автостроение *с* автомобильсозӣ

автосцепка *ж ж.-д.* автосцепка *(асбоби васли автоматии вагонҳо ва локомотив)*

автотележка *ж см.* **автокар**

автотипия *ж полигр.* автотипия *(1. тарзи чопи фотомеханикии расмҳо 2. расми ба ин тарз чопшуда)*

автотормоз *м ж.-д.* автотормоз *(тормозе, ки дар сурати канда шудани вагонҳои поезд ба таври автоматӣ ба кор медарояд)*

автотракторный, -ая, -ое автотракторӣ, ...и автомобилу трактор; ~ **парк** парки автомобилу трактор

автотранспорт *м* нақлиёти автомобилӣ, автотранспорт

автотрасса *ж* роҳи автомобильгард

автотуризм *м* автотуризм *(саёҳат бо мошин)*

автотурист *м* автотурист *(сайёҳи автомобилсавор)*

автотягач *м* автотягач *(автомобили махсус, ки ягон чизи ба вай васлшударо мекашад)*

автофургон *м* автофургон *(автомобили болопушида)*

автохозяйство *с* хоҷагии автомобили

автохтоны *мн.* *(ед.* **автохтон** *м) биол.* автохтонҳо *(организмҳои тубҷоӣ)*

автоцистерна *ж* автоцистерна, автомобили цистернадор

ага I *межд. (выражает удивление, догадку, злорадство)* а, аха, ҳа, уху, оҳо; ~! **попался!** ҳа! ба даст афтидӣ!

ага II *частица прост. (выражает согласие)* ҳа, ҳо, бале; дуруст, хуб; **ты придёшь завтра? — Ага** ту пагоҳ меой? — Ҳа

ага III *м* оғо, оқо

агава *ж* ханҷарӣ *(растании тропикӣ, ки аз баргҳои калони дурушти он нах мегиранд)*

агат *м* ақиқ, ақиқи яманӣ

агатов||ый, -ая, -ое ...и ақиқ ◇ ~**ые глаза** чашмони сиёҳ

агглютинативн||ый, -ая, -ое 1. *лингв.* ...и агглютинация, агглютинативӣ; ~**ые языки** забонҳои агглютинативӣ 2. *биол.* агглютинацияшаванда

агглютинация *ж* агглютинация *(1. лингв. бо аффиксҳои паи ҳам пайвастшаванда ифода ёфтани муносибати грамматики дар забонҳои турки, финӣ ва ғ. 2. биол. ба ҳам часпидани зарраҳо, мас. микробҳо, ҷисмчаҳои сурху сафеди хун ва ғ.)*

агент I *м* 1. агент, гумошта, вакил; **страховой** ~ агенти суғурта; ~ **по снабжению** агенти таъминот 2. дастнишонда 3. ҷосус, агент; ~ **иностранной разведки** ҷосуси разведкаи хориҷӣ

агент II *м физ., хим.* омил, сабаб; **химический** ~ омили химиявӣ; **атмосферный** ~ омили ҳаво

агентство *с* агентӣ шуъба; **почтовое** ~ агентии (шуъбаи) почта; **телеграфное** ~ агентии телеграфӣ; **Телеграфное агентство Советского Союза** (ТАСС) Агентии Телеграфии Иттифоқи Советӣ (ТАСС)

агентура *ж* 1. агентура, шабакаи ҷосусӣ 2. *собир.* ҷосусҳо, агентҳо

агентурн||ый, -ая, -ое ...и агентура, ...и ҷосусон; ~**ые сведения** ахбороти агентура (ҷосусон)

агит: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «агитационӣ»:* **агитплакат** плакати агитационӣ

агитатор *м* агитатор, ташвиқгар, ташвиқотчӣ; **коллектив** ~**ов** коллективи агитаторон

агитаторск||ий, -ая, -ое ...и агитатор, агитаторӣ; ~**ие способности** истеъдоди агитаторӣ; ~**ие курсы** курси агитаторон

агитационн||ый, -ая, -ое агитационӣ, ...и агитация, ташвиқотӣ; ~**ая работа** кори агитационӣ (ташвиқотӣ); ~**ая литература** адабиёти агитационӣ

агитация *ж* агитация, ташвиқот; **предвыборная** ~ агитацияи пеш аз интихобот

агитбригада *ж* бригадаи агитационӣ (ташвиқотӣ), бригадаи агитаторон

агитвагон *м* агитвагон, вагони агитационӣ

агитгруппа *ж* гурӯҳи агитаторон, гурӯҳи агитационӣ

агитировать *несов.* 1. агитация (ташвиқот) кардан, ташвиқот бурдан; ~ **среди рабочих** дар байни коргарон ташвиқот бурдан 2. *кого-что разг.* ташвиқ кардан, моил кунондан, ба гап даровардан

агитка *ж разг.* агитка, асари агитационӣ *(асари адабӣ ё сурате, ки мақсадаш фақат агитация буда, ҷиҳатҳои бадеиро чандон ба назар намегирад)*

агиткампания *ж* маъракаи агитация (ташвиқот)

агитлитература *ж* адабиёти агитационӣ (ташвиқотӣ)

агитмассов||ый, -ая, -ое оммавии агитационӣ; ~**ая работа** кори оммавии агитационӣ

агитплакат *м* плакати агитационӣ

агитпоезд *м* агитпоезд, поезди агитационӣ

агитпроп *м* агитпроп *(шуъбаи агитация ва пропагандаи КМ ВКП(б) ва комитетҳои маҳаллии он то соли 1934)*

агитпункт *м* агитпункт, пункти агитационӣ

агломерат *м* агломерат *(1. геол. тудаҳои шикастапораи ҷинсҳои гуногуни кӯҳӣ 2. тех. пораҳои гудохтаи маъдан ё хокаи он)*

агломерационный, -ая, -ое *тех.* агломерационӣ, ...и агломерация; ~ **процесс** процесси агломерация

агломерация *ж* агломерация *(усули гурушакунии хокаи маъдан)*

агнец *м* 1. *уст. книжн.* барра 2. *перен.* одами ҳалим, мусичаи бегуноҳ; **прикинуться агнцем** худро мусичаи бегуноҳ нишон додан

агностик *м филос.* агностик, пайрави агностицизм

агностицизм *м филос.* агностицизм *(таълимоти фалсафаӣ, ки фаҳмидашавандагии олами объективӣ ва қонунҳои онро инкор мекунад)*

агностическ||ий, -ая, -ое агностикӣ, ...и агностицизм; ~**ая философия** фалсафаи агностикӣ

агонизировать *несов.* ҷон кандан, дар ҳолати назъ будан, ба талвосаи ҷонканӣ афтодан

агоническ||ий, -ая, -ое ...и ҷонканӣ, ...и ҳолати назъ; ~**ое состояние** ҳолати назъ

агони||я *ж* ҷонканӣ, ҳолати назъ; **в** ~**и** дар ҳолати ҷонканӣ

агорафобия *ж мед.* агорафобия, фазотарсӣ

аграмант *м уст.* аграмант *(тасмаи бофта ки барои зинати либос, пардаҳо ва ғ. кор фармуда мешуд)*

аграрий *м книжн.* аграрий, заминдори калон, амлокдор

аграрн||ый, -ая, -ое аграрӣ, ...и замин, ...и заминдорӣ, зироатӣ, кишоварзӣ; ~**ый вопрос** масъалаи аграрӣ; ~**ая реформа**ислоҳоти замин; ~**ые страны** мамлакатҳои аграрӣ

аграф *м уст. (пряжка)* сагаки (ҳалқаи) ороиш

аграфия *ж мед.* аграфия *(бемории асабҳо, ки гирифтори он қобилияти навиштанро гум мекунад)*

агрегат *м* агрегат *(1. тех. якчанд мошин ё асбоби ба ҳамдигар пайваста, мас. турбогенератор, ки аз турбинаи буғи ва генератори электр иборат аст; якчанд мошини хоҷагии қишлоқ, ки кори муайянеро иҷро мекунад 2. мин. омезиши маъданҳо дар таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ)*

агрегатн||ый, -ая, -ое ...и агрегат, агрегатӣ; ~**ые станки** дастгоҳ ҳои агрегат ◇ ~**ое состояние вещества** *физ.* ҳолати агрегатии модда *(яке аз ҳолатҳои физикии модда: сахт, моеъ ва ё газмонанд)*

агреман *м дип.* агреман *(ризоияти ҳукумати як давлат барои ба сифати намояндаи дипломатӣ қабул намудани шахсе, ки давлати дигар пешниҳод кардааст)*

агрессивно *нареч.* таҷовузкорона;

бадқасдона; ~ **вести себя** бадқасдона рафтор кардан

агрессивность *ж* тақовузкорӣ, тақовузкорона будан(и); бадқасд будан(и)

агрессивн||ый, -ая, -ое (агрессив|ен, -на, -но) тақовузкорона; бадқасд(она), душманона; ~**ая политика** сиёсати тақовузкорона; ~**ый тон** муомилаи душманона

агрессия *ж* тақовуз, агрессия

агрессор *м* тақовузкор, тақовузгар, хуҷумкунанда, агрессор

агро: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «агрономӣ»:* **агробиология** агробиология, биологияи агрономӣ

агробаза *ж* агробаза, базаи агрономӣ

агробиологическ||ий, -ая, -ое агробиологӣ, ...и агробиология; ~**ая наука** илми агробиология

агробиология *ж* агробиология, биологияи агрономӣ *(илми қонунҳои умумии биологӣ дар соҳаи зироат, растанипарварӣ ва чорводорӣ)*

агрокультура *ж* агрокультура *(деҳқонӣ, зироат)*

агрокультурн||ый, -ая, -ое ...и агрокультура, агрокультурӣ; ~**ые мероприятия** тадбирҳои агрокультурӣ

агролесомелиорация *ж* ҷангалпарварӣ *(маҷмӯи тадбирҳои ҷангалпарварӣ барои беҳтар кардани шароити замин ва ҳаво)*

агромаксимум *м* агромаксимум *(маълумот ва тадбирҳои зарурии хоҷагии қишлоқ)*

агрометеорология *ж* агрометеорология, метеорологияи хоҷагии қишлоқ *(илми оид ба таъсири обу ҳаво ба объект ва процессҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ)*

агроминимум *м* агроминимум *(минимуми зарууртарин маълумот ва тадбирҳо дар соҳаи хоҷагии қишлоқ)*

агроном *м* агроном; **старший** ~ саргроном

агрономическ||ий, -ая, -ое агрономӣ, ...и агрономия, ...и илми зироат; ~**ая наука** илми зироат ◇ ~**ие руды** маъданҳои агрономӣ *(моддаҳои минералӣ ки аз онҳо нуриҳои минералӣ тайёр мекунанд)*

агрономия *ж* агрономия, илми зироат

агропромышленный, -ая, -ое агросаноатӣ; ~ **комплекс** комплекси агросаноатӣ

агропункт *м* агропункт, пункти агрономӣ

агрорайон *м* агрорайон, минтақаи зироат

агротехник *м* агротехник, мутахассиси зироат

агротехника *ж* агротехника *(техникаи зироат, системаи тадбирҳои оид ба зироат)*

агротехническ||ий, -ая, -ое агротехникӣ, ...и агротехника; ~**ие курсы** курси агротехника

агроучасток *м* участкаи агрономӣ

агрофизика *ж* агрофизика, физикаи агрономӣ, физикаи замин (хок)

агрофизический, -ая, -ое агрофизикӣ, ...и физикаи агрономӣ

агрохимический, -ая, -ое агрохимиявӣ, ...и химияи агрономӣ

агрохимия *ж* агрохимия, химияи агрономӣ, химияи замин (хок)

агрошкола *ж* мактаби агрономӣ

агу *межд.* ағу, бағу, иғӣ-иғӣ; ~, ~, **не плачь** ағу гуяд, бағу гуяд, гирья накунад

агукать *несов.* ағу-ағу (ағу-бағу, иғӣ-иғӣ) гуфтан

ад *м* 1. *рел.* дузах, ҷаҳаннам 2. *перен.* азобу уқубат, машаққат, азоби руҳӣ ◇ **ад кромешный** 1) зиндагии пуразоб (пурмашаққат); 2) харҷу марҷ, шуру қиёмат; **исчадие ада** *уст. книжн.* шайтон, бади бало

адажио *муз.* адажио (1. *нареч. оҳиста, паст, кашолдода — дар бораи суръати иҷрои асари мусиқӣ* 2. *с нескл. асари мусиқӣ ё қисми он, ки оҳиста иҷро карда мешавад)*

Адам *м*: **с** ~**а**, **от** ~**а** аз замони Одам-ато сар карда, аз рӯзи азал; **это было при** ~**е** ин дар замони Дақьёнус буд; **в костюме** ~**а** бараҳна, луб-луч

адамант *м уст.* 1. алмос, бриллиант 2. *перен.* одами матинирода

адамов, -а, -о: ~**о яблоко** *анат.* қоқурток, хекиртак; ~**а голова** *зоол.* одамсар *(як хел шабпараки калон)*

адамсит *м хим.* адамсит *(моддаи заҳрдори атсаовар)*

адаптация *ж* 1. *биол.* адаптация *(ба муҳит мувофиқ шудани узвҳо)*; ~ **глаза** адаптацияи чашм *(тағйир ёфтани ҳассосияти чашм)* 2. *пед.* адаптация, мувофиққунӣ, осонкунӣ *(оид ба матни забони хориҷӣ)*

адаптер *м* адаптер *(асбоби шунавондани овози ба қарта сабтшуда)*

адаптированный, -ая, -ое адаптацияшуда; ~ **текст (перевод)** матни (тарҷумаи) адаптацияшуда

адаптировать *сов., несов. что* адаптация кардан

адвербиальн||ый, -ая, -ое *лингв.* адвербиалӣ, зарфӣ, ...и зарф; ~**ые словосочетания** иборaҳои зарфӣ

адвокат *м* 1. *юр.* адвокат, ҳимоягар 2. *перен.* ҳомӣ, тарафдор, ҳимоячӣ

адвокатск||ий, -ая, -ое ...и адвокат, адвокатӣ, ...и ҳимоягар; ~**ая деятельность** фаъолияти адвокатӣ

адвокатство *с* адвокатӣ, ҳимоягарӣ, шуғли (касби) адвокат

адвокатур||а *ж юр.* 1. адвокатӣ, ҳимоягарӣ, шуғли (касби) адвокат; **заниматься** ~**ой** адвокатӣ кардан 2. *собир.* адвокатура, адвокатҳо, ҳимоягарон, ҳайати адвокатҳо

адекватность *ж* адекватнокӣ, комилан мувофиқ будан(и)

адекватн||ый, -ая, -ое (адекват|ен, -на, -но) адекватӣ, комилан мувофиқ, баробар, айнан як хел; ~**ые понятия** мафҳумҳои ба ҳам мувофиқ (яккела)

аденоиды *мн.* (*ед.* **аденоид** *м*) *мед.* аденоидҳо *(варами ғадудҳои лимфадори пешгоҳи ком)*

аденома *ж мед.* аденома *(навъи варами бехатар)*

адепт *м книжн.* мухлис, пайрав, адепт

аджарец *м* оҷор, оҷорӣ; *см.* **аджарцы**

аджарка *ж* оҷорзан, оҷордухтар, оҷоризан, оҷоридухтар, зани (духтари) оҷорӣ; *см.* **аджарцы**

аджарский, -ая, -ое оҷорӣ, ...и оҷорҳо, ...и оҷориҳо, ...и Оҷористон

аджарцы *мн.* оҷорҳо, оҷориҳо *(аҳолии асосии РАСС Оҷористон)*

административно-территориальн||ый, -ая, -ое маъмурии территориявӣ; ~**ое устройство** сохти маъмурии территориявӣ

административн||ый, -ая, -ое маъмурӣ, ...и маъмурият, административӣ; ~**ая должность** вазифаи маъмурӣ; ~**ые способности** қобилияти маъмурӣ ◇ ~**ый восторг** *ирон.* маъмуриятпарастӣ; **в** ~**ом порядке** бо роҳи маъмурӣ

администратор *м* маъмур, мудир, администратор

администраторский, -ая, -ое маъмурӣ, ...и маъмур, ...и мудир, ...и администратор; ~ **талант** маҳорати маъмурӣ

администрация *ж* 1. маъмурият, мудирият; ~ **фабрики** маъмурияти фабрика 2. *собир.* маъмурон, мудирон

администрирование *с (по знач. гл.* **администрировать***)* маъмуриятпарастӣ, идорабозӣ; **голое** ~ маъмуриятчигии хушку холӣ

администрировать *несов. неодобр.* маъмуриятпарастӣ (идорабозӣ) кардан

адмирал *м* адмирал; ~ **флота** адмирали флот

адмиралтейский, -ая, -ое ...и адмиралтейство; **Адмиралтейская игла** нуги манораи Адмиралтейство

адмиралтейство *с* адмиралтейство (1. *дар Англия — идораи олии флот* 2. *дар Россияи подшоҳӣ — корғоҳи киштисозӣ, ҷои таъмир ва таҷҳизи киштиҳо)*

адмиральск||ий, -ая, -ое ...и адмирал, адмиралӣ; ~**ое звание** унвони адмирал ◇ ~**ий час** *уст. шутл.* вақти таҳтул

адмиральша *ж разг.* зани (завҷаи) адмирал

адов, -а, -о *разг.* 1. *рел.* дузахӣ, ...и дузах, ...и ҷаҳаннам 2. *перен.* тоқатгудоз, ниҳоят сахт, тоқатфарсо; ~**а жарища** гармии тоқатгудоз

адонис *м бот.* адрасмон *(растание аз ҷинси чинорак, ки аз он доруи дарди дил тайёр мекунанд)*

адоптация *ж юр.* писархонд (духтархонд) кардан(и)

адоптировать *сов., несов. кого юр.* писархонд (духтархонд) кардан

адрес *м* 1. адрес, унвон; **почтовый** ~ адрес; **обратный** ~ адреси равонкунанда 2. табрикнома, адрес; **преподнести** ~ табрикнома тақдим кардан ◇ **в чей-л.** ~, **по** ~**у кого-л.** дар ҳаққи касе, дар хусуси касе; **в его** ~ **были сделаны замечания** ба вай

эрод гирифта шуд; **проехаться по чьему-л.** ~у ба касе пичинг паррондан; **не по ~у** сахван, сахв рафтааст, ғалат шудааст

адресант *м* адресант, фиристанда, ирсолкунанда

адресат *м* адресат, гиранда

адресн||ый, -ая, -ое ...и адрес; **~ая книга** дафтари адресҳо ◇ **~ый стол** идораи адресҳо

адресовать *сов., несов. кого-что кому-чему* фиристодан, ирсол доштан; **~ письмо кому-л.** ба номи касе мактуб фиристодан // *уст.* фиристодан, роҳӣ (равона) кардан

адресоваться 1. *сов., несов. уст. (обратиться)* мурочиат кардан 2. *несов. страд.* фиристода шудан

адски *нареч. разг.* ниҳоят дарача, мурданивор; **я ~ устал** ман ниҳоят дарача монда шудам

адск||ий, -ая, -ое 1. *рел.* ...и дузах, дузахи, ...и чаҳаннам 2. *перен.* тоқатфарсо, тоқатгудоз, тоқатшикан, бисьёр сахт; **~ая боль** дарди тоқатшикан; **~ая жара** гармии тоқатфарсо 3. *перен. разг.* фавқулодда, аз ҳад берун, аз ҳад афзун, аз ҳад зиёд; **~ое терпение** тобу тоқати аз ҳад зиёд 4. *перен. уст.* бад, пурғазаб, ғазабнок, пурмакр, маккорона; **~ий замысел** қасди бад ◇ **~ий камень** *уст.* санги чаҳаннам, ляпис; **~ая машина** *уст.* мошини таркиш

адсорбент *м физ., хим.* адсорбент, чаббанда

адсорбировать *сов., несов. что физ., хим.* адсорбция кардан, чаббидан, фурӯ бурдан

адсорбционный, -ая, -ое *физ., хим.* адсорбционӣ, ...и адсорбция, ...и чаббиш, ...и фурубарӣ, чаббанда

адсорбция *ж физ., хим.* адсорбция, чаббиш *(зарраҳои газ ё қатраҳои моеотро чаббидани қишри чисми сахт)*

адъюнкт *м* адъюнкт (1. *аспиранти мактаби олии ҳарбӣ* 2. *дар Россияи пеш аз революция ва дар Европаи Ғарби ходими хурди илмии баъзе муассисаҳои илмӣ)*

адъюнктский, -ая, -ое ...и адъюнкт, адъюнктӣ

адъюнктура *ж воен.* адъюнктура *(аспирантураи мактаби олии ҳарбӣ)*

адъютант *м воен.* адъютант *(шахсе, дар ҳузури командир ки ба ичрои супоришҳои у уҳдадор аст)*

адъютантский, -ая, -ое ...и адъютант, адъютантӣ

адыгеец *м* адыгей; *см.* **адыгейцы**

адыгейка *ж* адыгейзан, адыгейдухтар, зани (духтари) адыгей; *см.* **адыгейцы**

адыгейский, -ая, -ое адыгей, ...и адыгей(ҳо); **~ язык** забони адыгей

адыгейцы *мн.* адыгейҳо *(халқи Вилояти Автономии Адыгей)*

адюльтер *м уст.* адюльтер *(бевафоии зан ё шавҳар)*

аж *частица и союз прост.* ки... ҳатто, ҳатто; **кто-то так крикнул, что я аж вздрогнул** касе чунон наъра зад, ки ман ҳатто як қад паридам

ажио *с нескл. эк.* ажио *(баланд шудани қурби пулу когазҳои қиматбаҳо)*

ажиотаж *м* 1. ажиотаж *(ҳаннотӣ дар биржа)* 2. *перен.* гавго, талотум, ҳангома

ажитация *ж* ҳаячон, изтироб

ажур I *м уст.* тур *(матои нафис)*

ажур II *нареч. бухг.* ажур *(тартибе, ки амалиёти ба пул вобаста дар рузи ичрояш қайд мешавад)* ◇ **в ~е** *прост.* нағз, бачо, кор панч

ажурн||ый, -ая, -ое 1. тур, турӣ, турдор; **~ые занавески** пардаҳои тур 2. *перен.* нозук, нафис; зариф; **~ая работа** кори нафис

аз *м* аз *(номи кӯҳнаи ҳарфи «а»)* ◇ **от аза до ижицы** *книжн.* аз аввал то охир; **аза [в глаза] не знает, ни аза не смыслит** алифро калтак мегуяд; **начинать с азов** аз худи аввал сар кардан; **усвоить только азы** фақат алифу беро ёд гирифтан

азалия *ж бот.* бушаҳрӣ, маҳингул, халанч

азарт *м* саргармӣ, чидду чаҳд; **войти в ~** саргарм шудан; **делать что-л. с ~ом** кореро бо чидду чаҳд кардан

азартно *нареч.* саргарм шуда, бо чидду чаҳд; **~ играть** бо чидду чаҳд бози кардан, саргарми бозӣ шудан

азартн||ый, -ая, -ое (азарт|ен, -на, -но) саргарм, бочидду чаҳд, пурчӯшу хурӯш; **~ый спор** баҳсу мунозираи пурчушу хуруш ◇ **~ая игра** қимор

азбука *ж* 1. алифбо; **~ для слепых** алифбои нобиноён 2. *(букварь)* китоби алифбо 3. *перен. (основные начала)* асос, ибтидо ◇ **~ Морзе** алифбои Морзе; **нотная ~** *муз.* алифбои нота *(мачмуи аломати нотаҳо)*

азбучн||ый, -ая, -ое 1. ...и алифбо 2. ...и китоби алифбо; **~ые картинки** расмҳои китоби алифбо 3. *перен.* ба ҳама маълум, оддӣ; **~ая истина** ҳақиқати ба ҳама маълум

азербайджанец *м* озарбойчонӣ, озари

азербайджанка *ж* озарбойчонзан, озарбойчондухтар, зани (духтари) озарбойчонӣ (озарӣ)

азербайджанский, -ая, -ое озарбойчонӣ, ...и озарбойчониҳо, ...и озарӣ, ...и озариҳо, ...и Озарбойчон; **~ язык** забони озарӣ

азербайджанцы *мн.* озарбойчониҳо, озариҳо, халқи Озарбойчон

азиатский, -ая, -ое осиёи, ...и Осиё; **~ материк** қитъаи Осиё

азимут *м* азимут; **~ светила** азимути ситора; **идти по ~у** аз руи азимут рафтан

азот *м* азот, нитроген *(элементи химиявӣ, газ)*

азотирование *с (по знач. гл.* **азотировать)** азотдор кардан(и)

азотировать *сов., несов. что* азотдор кардан, азотонидан; **~ почву** ба хок азот андохтан (додан)

азотироваться *несов. страд.* азотдор карда шудан

азотист||ый, -ая, -ое азотолуд, нитрогенолуд, азотдор; **~ое железо** оҳани азотолуд; **~ые удобрения** нуриҳои азотдор

азотнотуковый, -ая, -ое ...и нурии азот; **~ завод** заводи нурии азот

азотн||ый, -ая, -ое ...и азот, ...и нитроген; **~ завод** заводи азот (азотбарорӣ); **~ая кислота** туршии азот

аил *м* авул

аир *м бот.* шамшергиёҳ

аист *м* лаклак

ай *межд.* 1. *(выражает боль, испуг)* воҳ, вой 2. *(выражает неудовольствие, порицание)*, ҳай-ҳай, оббо; **ай-ай-ай!** ҳай-ҳай! оббо-э! 3. *(выражает удивление, восхищение)* уҳ, уҳу, оҳо 4. *(выражает одобрение, похвалу)* оҳо, бале, офарин, боракалло, салламно; **ай, какой голос!** оҳо, чӣ хел овоз!; **ай да молодец!** офарин!, боракалло!, салламно!

айва *ж (дерево)* дарахти биҳӣ; *(плод)* биҳӣ

айван *м* айвон

айвов||ый, -ая, -ое ...и биҳӣ, биҳигӣ; ...и дарахти биҳӣ; **~ое варенье** мураббои биҳигӣ

айда *межд. прост.* 1. рафтем, меравем; **ребята, ~ купаться!** бачаҳо, рафтем ба оббозӣ! 2. *в знач. сказ.* тохтам (тохтӣ, тохт *ва ғ.*), давидам (давидӣ, давид *ва ғ.*); **дети набрали полные карманы орехов — и ~ домой** бачаҳо кисаҳоро бо чормағз пур карданду ба хона тохтанд

айкать *несов.* вой гуфтан

айкнуть *сов. однокр. к* **айкать**

аймак *м* 1. аймак, район *(дар РАСС Бурятия ва Вилояти Автономии Кӯҳистони Олтой)* 2. аймак, вилоят, ноҳия *(дар Республикаи Халқии Муғулистон)*

айран *м обл.* айрон, дуғ

айсберг *м* айсберг, яхкуҳи шиновар

айсоры *мн. уст. см.* **ассирийцы**

академизм *м* академизм (1. *равияи назарӣ дар машғулиятҳои илмӣ ва таълимӣ, ки аз тачриба ва талаботи ҳаёт дур мебошад* 2. *равияи санъат аст, ки қоидаҳои анъанавии ба намунаҳои классики тақлид карданро риоя мекунад)*

академик *м* академик; **почётный ~** академики фахрӣ; **~-секретарь** академик-котиб

академическ||ий, -ая, -ое 1. академӣ, ...и академия; **~ий устав** устави академия; **~ое издание** нашри академӣ 2. *(учебный)* ...и таҳсил, ...и таълим, таълимӣ; **~ий год** соли хониш (таҳсил); **~ий час** соати таълим, соати дарс 3. академӣ, ...и равияи академизм; **~ая живопись** рассомии (наққошии) равияи академизм 4. *(чисто теоретический)* назарӣ, ғайриамалӣ, маънавӣ; **~ий спор** мунозираи софназарӣ ◇ **~ий театр** театри академӣ

академичный, -ая, -ое (академич|ен, -на, -но) *см.* **академический** 3, 4

академия *ж* академия; **~ наук**

академияи фанҳо; ~ **худо́жеств** академияи санъати нафиса; **вое́нно-медици́нская** ~ академияи ҳарбии тиббӣ

а́канье *с (по знач. гл.* **а́кать**) «а»-гӯӣ, «а»-гуфтан(и)

а́кать *несов.* «а» гуфтан *(дар ҳиҷоҳои безада ба ҷои ҳарфи «о» «а» талаффуз кардан, мас.: «вода»-ро «вада́» гуфтан)*

ака́фист *м церк.* акафист *(мадҳияи калисо)*

ака́ция *ж* акация, ақоқиё, дарахти ақоқиё; **бе́лая** ~ аҳокиёи сафед; **жёлтая** ~ аҳоқиёи зард

аквала́нг *м* акваланг *(асбоби нафаскашӣ дар зери об)*

аквалангист *м* аквалангчӣ

аквамари́н *м* аквамарин *(санги қиматбаҳои осмониранги сабзтоби шаффоф)*

аквамари́новый, -ая, -ое 1. ...и аквамарин; ~ **пе́рстень** ангуштарини нигинаш аквамарин 2. *(зеленовато-голубой)* осмониранг, сабзтоб, кабуди сабзтоб

акварели́ст *м* акварелист *(рассоме, ки бо ранги обӣ расм мекашад)*

акваре́ль *ж* акварель (1. *ранги обӣ* 2. *сурати бо ранги обӣ кашидашуда)*

акваре́льн||ый, -ая, -ое ...и акварель, акварели; **~ые кра́ски** ранги акварель; **~ый портре́т** портрети акварели

аква́риум *м* аквариум *(зарфи шишагии пуроб, ки дар вай моҳиёну ҷонварон ва растаниҳои обиро мепарваранд)*

аквато́рия *ж* акватория *(қитъаи баҳр, дарьё ва ғ.)*

акведу́к *м* акведук, нов, нова, ғулба *(қубури об, ки дар болои ҷӯй, роҳ, сой ва ғ. сохта мешавад)*

акклиматиза́ция *ж* акклиматизация, муътодонӣ

акклиматизи́рование *с (по знач. гл.* **акклиматизи́ровать**) акклиматизация (мӯътод) кунондан(и); *(по знач. гл.* **акклиматизи́роваться**) акклиматизация (мӯътод) шудан(и)

акклиматизи́ровать *сов., несов. кого-что* акклиматизация (мӯътод) кунондан

акклиматизи́роваться 1. *сов., несов.* акклиматизация (мӯътод) шудан // *перен.* одат кардан, ху гирифтан, ҳамранги ҷамоат шудан 2. *несов. страд.* акклиматизация (мӯътод) кунонда шудан

аккомодацио́нный, -ая, -ое аккомодационӣ, ...и аккомодация

аккомода́ция *ж* аккомодация; ~ **гла́за** аккомодацияи чашм

аккомоди́ровать *сов., несов. что* аккомодация кунондан

аккомоди́роваться *несов. страд.* аккомодация кунонда шудан

аккомпанеме́нт *м* 1. ҳамоҳангӣ, ҷуршавӣ, аккомпанемент *(ба оҳанги суруд ё ягон асбоби мусиқӣ ҷур шудани асбоби дигари мусиқӣ)*; **петь под** ~ **роя́ля** бо ҳамоҳангии рояль сароидан 2. *перен.* шароиту муҳит

аккомпаниа́тор *м* аккомпаниатор *(касе, ки ба хониш ё навозиши каси дигар бо сози худ ҷур мешавад)*

аккомпаниа́торша *разг. женск. к* **аккомпаниа́тор**

аккомпани́рование *с (по знач. гл.* **аккомпани́ровать**) ҳамоҳанг (ҳамовоз, ҷур) шудан(и), аккомпанемент кардан(и)

аккомпани́ровать *несов.* ҳамоҳанг (ҳамовоз, ҷур) шудан, аккомпанемент кардан; ~ **певцу́ на роя́ле** ба хониши ҳофиз бо рояль ҷур шудан

акко́рд I *м муз.* аккорд *(ҳамоҳангии якчанд садои мусиқӣ)* ◇ ~ **струн** *муз.* дастаи тори соз; **заключи́тельный** ~ анҷом, хотима, амали охирин

акко́рд II *м уст. (соглашение)* созиш, аҳд

аккордео́н *м* аккордеон *(асбоби мусиқӣ)*

аккордеони́ст *м* аккордеоннавоз

аккордеони́стка *женск. к* **аккордеони́ст**

акко́рдно *нареч.* аз руи байъ, корбайъ, яклухт; **рабо́тать** ~ аз рӯи байъ кор кардан

акко́рдн||ый, -ая, -ое ...и байъ, яклухт; **~ая рабо́та** кори яклухт; **~ая опла́та труда́** яклухт додани музди кор

аккредити́в *м* 1. *фин.* аккредитив *(ҳуҷҷати муомилаи пулӣ)* 2. *дип.* эътиборнома, ваколатнома

аккредитова́ние *с (по знач. гл.* **аккредитова́ть**) вакил кардан(и)

аккредити́вн||ый, -ая, -ое *фин.* аккредитивӣ, ...и аккредитив; **~ая фо́рма расчёта** тарзи бо аккредитив баробар кардани ҳисоб ◇ **~ая гра́мота** *дип.* эътиборнома, ваколатнома

аккредитова́ть *сов., несов. кого* вакил кардан (1. *фин. касеро дар муомилаҳои пулӣ намоянда таъин кардан* 2. *дип. касеро дар пеши ягон ҳукумати хориҷа намоянда таъин кардан)*

аккредитова́ться *несов. страд.* вакил карда шудан

аккумули́рование *с (по знач. гл.* **аккумули́ровать**) аккумуляция кардан(и), ҷамъ (ғун, якҷоя, захира) кардан(и); *(по знач. гл.* **аккумули́роваться**) аккумуляция шудан(и), ҷамъ (ғун, якҷоя, захира) шудан(и)

аккумули́ровать *сов., несов. что* аккумуляция кардан, ҷамъ (ғун, якҷоя, захира) кардан, андӯхтан

аккумули́роваться 1. *сов., несов.* аккумуляция шудан, ҷамъ (ғун, якҷоя, захира) шудан 2. *несов. страд.* аккумуляция карда шудан, ҷамъ карда шудан

аккумуля́тор *м* аккумулятор *(асбоби захира кардани энергия)*

аккумуля́торн||ый, -ая, -ое, ...и аккумулятор, аккумуляторӣ, аккумулятордор; **~ая ла́мпа** чароғи аккумуляторӣ

аккумуля́ция *ж* аккумуляция, ҷамъ (ғун, якҷоя, захира) кардан(и); ҷамъшавӣ, ғуншавӣ, якҷоя шудан(и); ~ **эне́ргии** аккумуляцияи қувва

аккура́тно *нареч.* 1. мураттабан, мунтазаман, дар сари вақт, дар вақташ, дар вақт-вақташ; ~ **отвеча́ть на пи́сьма** ба мактубҳо дар вақташ ҷавоб навиштан 2. покизакорона, бо диққат, пухтакорона, дурустакак, нағз; ~ **залата́ть что́-л.** чизеро дурустакак ямоқ кардан 3. *разг. (осторожно)* эҳтиёткорона, оҳиста

аккура́тность *ж* 1. вазифашиносӣ, покизакорӣ, боинтизомӣ; **врождённая** ~ покизакории табиӣ; 2. дақиқӣ, покизагӣ; ~ **исполне́ния рабо́ты** покизакорӣ

аккура́тн||ый, -ая, -ое (аккура́т|ен, -на, -но) 1. вазифашинос, покизакор, боинтизом, дақиқ; **~ый рабо́тник** коркуни вазифашинос; **~ый учени́к** хонандаи боинтизом 2. дақиқ, покиза, покизакорона; **~ое выполне́ние рабо́ты** покиза анҷом додани коре

акмеи́зм *м лит.* акмеизм *(равияи адабии декаданс дар Россия, ки дар соли 1910 ба вуҷуд омада, шиори «санъат барои санъат»-ро таблиғ мекард)*

акмеи́ст *м лит.* акмеист, тарафдори акмеизм

акони́т *м бот.* биш, аҷалгиёҳ

акони́товый, -ая, -ое ...и биш, ...и аҷалгиёҳ

акр *м* акр *(андозаи замин дар Англия, ки ба 4047 метри мураббаъ баробар аст)*

акри́д||ы *мн.:* **пита́ться ~ами и** [**ди́ким**] **мёдом** гушнагӣ кашидан, нони хурдан надоштан

акроба́т *м* дорбоз, акробат

акробати́зм *м* акробатизм *(чолокӣ ва маҳорат дар иҷрои машқҳои гимнастӣ)*

акроба́тика *ж* акробатика, дорбозӣ

акробати́ческ||ий, -ая, -ое ...и акробатика, акробатӣ, ...и дорбозӣ; **~ие упражне́ния** машқҳои акробатӣ

акроба́тка *женск. к* **акробат**

акромега́лия *ж мед.* акромегалия *(аз ҳад зиёд калон шудани устухонҳои дасту пой, сар ва ғ.)*

акро́поль *м ист.* акрополь, арк

акро́стих *м лит.* мувашшаҳ

акса́кал *м* оқсаққол

акселера́тор *м тех.* акселератор *(асбобе, ки аз карбюратор ба цилиндри муҳаррики дарунсуз мунтазам ҷорӣ шудани сузишвориро таъмин мекунад)*

акселера́ция *ж биол., антроп.* акселерация *(инкишофи босуръати организм)*

аксельба́нты *мн. (ед.* **аксельба́нт** *м)* аксельбант *(калобатуни сарикитфии либоси расмии баъзе мансабдорони ҳарбӣ)*

аксессуа́р *м* 1. *(принадлежность чего-л.)* лавозимот, чизи хос 2. *чаще мн.* **аксессуа́ры** *иск.* ҷузъиёт *(дар рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва адабиёт)* 3. *театр.* аксессуар *(асбобу анҷоми майда, ки дар спектакльҳо ба кор меравад)*

аксио́ма *ж* аксиома *(қоидаи асосие, ки бе далелу исбот қабул карда мешавад)* // *перен.* ҳақиқати бaҳснопазир, мусаллама

акт *м* 1. кор, амал, кирдор, воқеа, ҳодиса; ~ **рожде́ния** таваллудшавӣ, таваллудьёбӣ, тавлид; ~ **агре́ссии**

тачовузкорӣ 2. *(указ)* акт, қарори расмӣ; **государственный ~ на вечное пользование** землёй акти давлатии истифодаи доимии замин 3. *(документ)* акт, нома *(ҳуҷҷате, ки ягон фактро тасдиқ мекунад)*; **~ о перемирии** акти муторика, акти тарки ҷанг, муториканома; **обвинительный ~** айбнома; **~ о передаче имущества** акти супурдани молу мулк; **составить ~** акт навиштан 4. *театр.* парда; **пьеса в трёх ~ах** пьесаи сепардагӣ 5. *уст.* маҷлис, ҷамъомад *(маҷлиси тантанавие, ки дар мактаб одатан ба муносибати тамом шудани соли таҳсил баргузор мешуд)* ◇ **~ы гражданского состояния** актҳои вазъи граждани

актёр *м* актёр

актёрск||ий, -ая, -ое актёрӣ, ...и актёр; **~ое мастерство** маҳорати актёрӣ

актёрство *с* 1. касби актёр, актёрӣ 2. *перен. неодобр.* риёкорӣ, сохтакорӣ; худнамоӣ, такаллуф

актёрствовать *несов. разг.* 1. актёрӣ кардан, актёр будан, касби актёрӣ доштан 2. *перен. неодобр.* риёкорӣ (сохтакорӣ, мунофиқӣ) кардан

актив I *м* актив, фаъол, фаъолон; **профсоюзный ~** активи иттифоқи касаба

актив II *м* 1. *фин.* актив *(пул, мол, даромад ва ашёи мавҷуда ва ё ба қарз додашудаи ягон муассиса)* 2. *перен.* комьёбӣ, бурд; **записать что-л. себе в ~** ба коре (ба чизе) комьёб шудан

активация *ж* активация, фаъолкунонӣ, ба ҳаракат овардан(и); **~ молекул** активацияи молекулаҳо

активизация *ж* (*по знач. гл.* **активизировать**) фаъолкунӣ, фаъолкунонӣ; (*по знач. гл.* **активизироваться**) фаъолшавӣ, ба ҳаракат омадан(и)

активизировать *сов., несов. кого-что* фаъол кардан, фаъол кунондан, тезондан

активизироваться 1. *сов., несов.* фаъол шудан, ба ҳаракат омадан 2. *несов. страд.* фаъол кунонда шудан

активирование *с* (*по знач. гл.* **активировать**) активация кардан(и), ба ҳаракат овардан(и)

активированный, -ая, -ое 1. *прич.* активация кардашуда, фаъол кунондашуда 2. *прил.* фаъол; **~ уголь** ангишти фаъол

активировать *сов., несов. что* активация кардан, фаъол кунондан, ба ҳаракат овардан

активироваться *несов. страд.* активация карда шудан, фаъол кунонда шудан

активист *м* активист, фаъол

активистка *женск. к* **активист**

активно *нареч.* фаъолона, бо ҷидду ҷаҳд; **~ действовать** бо ҷидду ҷаҳд амал кардан; **~ участвовать в чём-л.** дар коре фаъолона иштирок кардан

активность *ж* фаъолият, ғайратнокӣ, активӣ; **проявлять ~** фаъолият нишон додан; **политическая ~ масс** фаъолияти сиёсии омма ◇ **солнечная ~** хуруши офтоб

активн||ый I, -ая, -ое (актив|ен, -на, -но) 1. фаъол, ғайратнок, коркун, серҳаракат; **~ый участник движения сторонников мира** иштирокчии фаъоли ҳаракати тарафдорони сулҳ 2. фаъол, авҷгирифта, мутараққӣ; **~ый процесс в лёгких** ҷараёни фаъоли бемории сил ◇ **~ый запас лексики** *лингв.* қисми активи луғат, қисми серистеъмоли таркиби луғавӣ; **~ая оборона** мудофиаи фаъолона

активн||ый II, -ая, -ое *фин.* ...и актив, активӣ; **~ые банковские операции** амалиёти активи банк; **~ый баланс** баланси актив *(ҷамъбасте, ки дар он дахл аз харҷ зиёд бошад)*

актинии *мн.* (*ед.* **актиния** *ж*) актинияҳо *(навъи ҳайвоноти баҳрӣ аз гуруҳи шикамрудаҳо)*

актиний *м* актиний *(элементи радиоактив, ки дар маъдани уран вомехурад)*

актировать *сов., несов. что* акт кардан

актироваться *несов. страд.* акт карда шудан

актовый, -ая, -ое 1. ...и акт, ...и қарори расмӣ 2. ...и маҷлис(ҳо); **~ зал** зали маҷлисҳо, маҷлисгоҳ

актриса *ж* актриса

актуально *нареч.* актуалӣ, муҳим

актуальность *ж* бисьёр муҳим будан(и), актуалӣ будан(и); **~ темы** актуалӣ будани мавзӯъ

актуальн||ый, -ая, -ое (актуа|лен, -льна, -льно) 1. бисьёр (хеле) муҳим, актуалӣ; **~ая задача** вазифаи актуалӣ 2. *(существующий)* мавҷуд, мавҷуда, воқеӣ

акула *ж* наҳанг, кӯсамоҳӣ

акул||ий, -ья, -ье ...и наҳанг, ...и кусамоҳӣ; **~ья пасть** коми наҳанг; **~ий промысел** шикори наҳанг

акустик *м* акустик (1. *разг.* *мутахассиси акустика* 2. *назораткунандаи аппаратҳои сабти овоз)*

акустика *ж* 1. акустика *(илми садо)* 2. акустика, қобилияти садодиҳӣ; **плохая ~** акустикаи бад; **в этом зале хорошая ~** ин зал садоро хуб акс мекунонад

акустическ||ий, -ая, -ое акустики, ...и акустика; **~ие аппараты** аппаратҳои акустики

акушёр *м* акушер *(духтуре, ки ба занҳо дар вақти ҳамлу таваллуд ёрии тиббӣ мерасонад)*

акушёрка *ж* акушерка, момодоя, доя

акушёрск||ий, -ая, -ое ...и акушер(ҳо), ...и акушерка, акушерӣ; **~ая практика** таҷрибаи акушерӣ; **~ие курсы** курси акушерҳо

акушёрств||о *с* 1. акушерӣ, момодоягӣ; **курс ~а** курси акушерӣ 2. акушерӣ, кори (касби) акушер, момодоягӣ, доягӣ; **заниматься ~ом** акушерӣ (момодоягӣ) кардан

акушерствовать *несов.* акушерӣ (момодоягӣ) кардан

акцент *м* 1. *лингв.* акцент, зада; *(знак)* аломати зада 2. лаҳҷа; **говорить с ~ом** бо лаҳҷа гап задан ◇ **делать ~ на чём-л.** чизеро махсусан қайд (хотирнишон) кардан

акцентировать *сов., несов. что и без доп.* 1. *лингв.* аломати зада мондан 2. *перен.* таъкид кардан

акцентный, -ая, -ое *лингв.* ...и акцент, ...и зада; ...и аломати зада ◇ **~ стих** *лит.* шеъри ҳиҷоӣ

акцентология *ж* 1. *лингв.* акцентология, задашиносӣ 2. *см.* **акцентуация**

акцентуация *ж лингв.* акцентуация, задагузорӣ

акцепт *м* акцепт (1. *юр.* *қабули шарти аҳднома* 2. *фин.* *тарзи бе пули нақд баробар кардани ҳисоб дар байни идораҳо ва ҳамчунин розигӣ барои додани пул аз рӯи ҳуҷҷатҳо)*

акцептация *ж* (*по знач. гл.* **акцептовать**) акцепт кардан(и)

акцептн||ый, -ая, -ое *фин.* ...и акцепт, акцептӣ; **~ая форма расчётов** бо роҳи акцепт баробар кардани ҳисобу китоб

акцептовать *сов., несов. что фин.* акцепт кардан

акцептоваться *несов. страд.* акцепт карда шудан

акцидентный I, -ая, -ое *филос.* *(случайный, несущественный)* акцидентӣ, тасодуфӣ, камаҳамият, ғайримуҳим

акцидентн||ый II, -ая, -ое *полигр.* акцидентӣ, майда-чуйда; **~ые работы** корҳои майда-чуйдаи матбаа

акциденция I *ж филос.* акциденция, араз *(хусусияти тасодуфӣ, тағйирпазир ва камаҳамияти предмет)*

акциденция II *ж полигр.* акциденция *(корҳои майда-чуйдаи матбаа)*

акциз *м* акциз (1. *фин.* *андози ғайримустақим ба фурӯши молҳои сермасриф, мас.: намак, қанд, гугирд ва ғ.* 2. *уст. разг.* *идорае, ки чунин андозро ҷамъ мекард)*

акцизный, -ая, -ое 1. *фин.* ...и акциз; **~ сбор** пули акциз 2. *уст. разг.* ...и акциз, ...и идораи акциз; **~ чиновник** корманди идораи акциз 3. *в знач. сущ.* **акцизный** *м то же, что* **~ чиновник**

акционер *м* акционер, акциядор, саҳмдор *(шарики ягон муассисаи акционерӣ)*

акционерн||ый, -ая, -ое акционерӣ, ...и саҳмдорӣ; **~ый капитал** капитали акционерӣ; **~ое общество** ҷамъияти акционерӣ; **~ая компания** ширкати саҳмдорон (акционерӣ)

акци||я I *ж, эк.* акция, саҳм *(коғази қиматнок, ки ҷамъияти акционерӣ мебарорад ва ба дорандаи он барои аз фондаҳои ҷамъияти акционерӣ ҳисса гирифтан ҳуқуқ медиҳад)* ◇ **его ~и повышаются** эътибораш боло шуда истодааст, қурбаш зиёд мешавад; **его ~и падают** эътибораш паст шуда истодааст, қурбаш кам мешавад

акция II *ж полит.* иқдом, қасд, амал, акция; **дипломатическая ~** иқдоми дипломатӣ; **~ протеста** амали эътироз

акын *м* оқин (*хофизи халқии қазоқ, қирғиз ва баъзе халқҳои дигар*)

албанец *м* албанӣ

албанка *ж* албанзан, албандухтар, зани (духтари) албанӣ

албанский, -ая, -ое албанӣ, ...и албаниҳо, ...и Албания; ~ **язык** забони албанӣ

албанцы *мн.* албаниҳо, халқи Албания

алгебра *ж* алгебра, алҷабр, ҷабр

алгебраическ||ий, -ая, -ое алгебрӣ, ...и алгебра, ...и ҷабр; ~**ое уравнение** муодилаи алгебрӣ

алгоритм *м* алгоритм (*маҷмӯи амалиёти математикӣ*)

алебарда *ж уст.* табарзини найзадор

алебастр *м* гаҷ

алебастровый, -ая, -ое ...и гаҷ, гаҷӣ, гаҷин; ...и гаҷкорӣ; ~ **завод** заводи гаҷ

александрийский, -ая, -ое: ~ **лист** *фарм.* санои Макка

александрит *м* александрит (*санги қиматбаҳо*)

алеть *несов.* 1. (*становиться алым*) сурх (суп-сурх, гулгун) шудан 2. (*виднеться — об алом*) сурх (сурхтоб) намудан, сурхча (гулгун) тофтан

алеут *м* алеут; *см.* **алеуты**

алеутка *ж* алеутзан, алеутдухтар, зани (духтари) алеут; *см.* **алеуты**

алеутский, -ая, -ое ...и алеут(ҳо), алеутӣ

алеуты *мн.* алеутҳо (*аҳолии асосии галаҷазираи Алеут*)

алжирец *м* алҷазоирӣ

алжирка *ж* алҷазоиризан, алҷазоиридухтар, зани (духтари) алҷазоирӣ

алжирский, -ая, -ое алҷазоирӣ, ...и Алҷазоир

алжирцы *мн.* алҷазоириҳо, аҳолии Алҷазоир

али (аль) *союз уст. и обл.* ё ки..., ё

алиби *с нескл. юр.* алиби (*ҳангоми ҷиноят дар ҷои дигар будани айбдоршаванда ҳамчун далели бегуноҳии ӯ*); **доказать своё** ~ алибии худро исбот кардан

ализарин *м* ализарин (*ранги руянӣ*)

ализаринов||ый, -ая, -ое ализаринӣ, ...и ализарин; ~**ые красители** рангҳои ализаринӣ

алиментн||ый, -ая, -ое ...и алимент, ...и нафақа; ~**ые платежи** пули алимент

алиментщик *м разг.* алиментдиҳанда

алименты *тк. мн. юр.* алимент, нафақа

алкалоид *м хим.* алкалоид (*моддаи органикии ишқормонанд*)

алкалоидн||ый, -ая, -ое ...и алкалоид(ҳо), алкалоиддор; ~**ый завод** заводи алкалоид; ~**ые соединения** *хим.* пайвастаҳои алкалоиддор

алкать *несов.* 1. *уст.* гурусна будан 2. *чего или с неопр. поэт.* муштоқ (ташна) будан

алкоголизм *м* алкоголизм, майзадагӣ, майпарастӣ

алкоголик *м* майзада, алкоголик

алкоголичка *женск. к* **алкоголик**

алкоголь *м* 1. алкоголь, спирт // *разг.* арақ, машруботи спиртдор 2. *мн.* **алкоголи** *хим.* алкогольҳо, спиртҳо (*як қатор пайвастаҳои органикӣ*)

алкогольн||ый, -ая, -ое ...и алкоголь, спиртдор; ~**ые напитки** машруботи (нушокиҳои) спиртдор; ~**ое отравление** заҳролудшавӣ аз алкоголь

аллах *м* оллоҳ ◇ **ради** ~**а** аз барои худо; ~ **знает (ведает)** худо медонад, кӣ медонад; **одному** ~**у известно** ҳеҷ кӣ намедонад, худо медонад

аллегорический, -ая, -ое маҷозӣ, рамзӣ, тамсилӣ, ...и киноя, ...и аллегория; ~ **жанр** жанри тамсилӣ

аллегоричность *ж* маҷозӣ (рамзӣ, кинояӣ, истиоравӣ) будан(и); ~ **слов** рамзӣ будани сухан

аллегоричный, -ая, -ое (аллегорич|ен, -на, -но) маҷозӣ, рамзӣ, кинояӣ, истиоравӣ

аллегория *ж лит.* маҷоз, рамз, киноя, истиора, аллегория

аллегретто *муз.* аллегретто (1. *нареч. на чандон зуд* 2. *с нескл. асари мусиқӣ ё қисми он, ки бо суръати на чандон зуд иҷро мешавад*)

аллегри *с нескл. уст.* аллегри (*навъи лотерея, ки бурдаш фавран дода мешавад*)

аллегро *муз.* аллегро (1. *нареч. тез, зуд, ҷоннок* 2. *с нескл. асари мусиқӣ ё қисми он, ки бо суръат иҷро мешавад*)

аллерген *м* аллерген, аллергияангез

аллергическ||ий, -ая, -ое аллергӣ; ~**ое заболевание** касалии аллергӣ

аллергия *ж мед.* аллергия (*реакцияи ғайритабиӣ ё ҳассосияти дигаргуншудаи организм нисбат ба чизе*)

алле||я *ж* кучабоғ, хиёбон, гулгашт; **чинаровая** ~**я** кучабоғи чинорон; ~**и парка** гулгаштҳои боғ

аллигатор *м зоол.* аллигатор (*навъи тимсоҳ дар Америкаи Шимолӣ ва Хитои Ҷанубӣ*)

аллилуйщик *м разг.* маддоҳи гузаро

аллилуй||я *межд. церк.* 1. алҳамдулиллоҳ 2. *в знач. сущ.* **аллилуйя** *ж* наът (*мадҳияи динӣ, ки дар калисоҳои яҳудиён ва насрониҳо хонда мешавад*); **петь** ~**ю** маддоҳӣ кардан

аллитерация *ж лит.* аллитерация (*услуби шеърнависӣ, ки барои афзудани таъсири сухан калимаҳоеро интихоб мекунанд, ки дар онҳо овозҳои ҳамсадо такрор шаванд, мас.:* «симинзақано, симтано, симъузоро»)

алло *межд.* алло, ҳа, лаббай; ~, **я слушаю** алло, гушам ба шумо; ҳа, лаббай

аллопат *м* аллопат (*духтуре, ки усулҳои гомеопатиро кор намефармояд*)

аллопатия *ж* аллопатия (*тарзи муолиҷа бо услубу давоҳои ғайригомеопатӣ*)

аллотропический, -ая, -ое *хим.* аллотропӣ, ...и аллотропия

аллотропия *ж хим.* аллотропия (*мавҷудияти як унсури химиявӣ дар шакли ду ё якчанд моддаҳои содда*)

аллохтоны *мн.* (*ед.* **аллохтон** *м*) *биол.* аллохтонҳо (*организмҳое, ки дар ягон маҳал вуҷуд доранд, вале, бар хилофи автохтонҳо, дар процесси инкишоф дар ягон ҷои дигар пайдо шудаанд*)

аллювиальн||ый, -ая, -ое *геол.* аллювиалӣ, ...и аллювий; ~**ые отложения** обовардҳои аллювиалӣ, тудаҳои сангу реги обовард

аллювий *м геол.* аллювий (*тӯдаҳои сангу реги обовард*)

аллюзия *ж лит.* талмеҳ, киноя

аллюр *м* гашт, аллюр (*тарзи роҳравии асп*); **переменить** ~ гаштро дигар кардан

алмаз *м* алмос; **резать** ~**ом** бо алмос буридан; **перстень с** ~**ом** ангуштарини алмосдор

алмазн||ый, -ая, -ое ...и алмос, алмосӣ; ~**ые россыпи** кони алмос; ~**ый блеск** ҷилои алмос

алогизм *м* 1. алогизм, бемантиқӣ, аз мантиқ дур 2. *филос.* алогизм (*инкори мантиқ ё дониши илмӣ аз тарафи фалсафаи иртиҷоӣ*)

алогический, -ая, -ое *см.* **алогичный**

алогичность *ж книжн.* бемантиқӣ, хилофи мантиқ будн(и), аз мантиқ дур будан(и)

алогичный, -ая, -ое *книжн.* (алогич|ен, -на, -но) бемантиқ, хилофи мантиқ, аз мантиқ дур

алойный, -ая, -ое ...и уд, ...и сабр, ...и алоэ, сабрӣ; ~ **лист** барги уд

алоэ *с нескл. бот.* уд, сабр, алоэ; **сок** ~ шираи уд

алтаец *м* олтойӣ; *см.* **алтайцы**

алтайка *ж* олтоизан, олтоидухтар, зани (духтари) олтойӣ; *см.* **алтайцы**

алтайский, -ая, -ое олтойӣ, ...и олтоиҳо, ...и Олтой; ~ **язык** забони олтойӣ

алтайцы *мн.* олтоиҳо (*халқи Вилояти Автономии Олтои Кӯҳӣ*)

алтарь *м* 1. қурбонгоҳ (*дар халқҳои қадимӣ*) 2. меҳроб (*дар православҳо*) ◇ **принести жизнь на** ~ **отечества** ҷонро фидои ватан кардан

алтын *м уст.* олтин (*тангаи қадими русӣ*) ◇ **не было ни гроша, да вдруг** ~ *погов.* ≈ бахт агар мадад кунад, ту пясарӣ кӣ намегӯяд

алфавит *м* алифбо; **по** ~**у** аз руи алифбо

алфавитный, -ая, -ое ...и алифбо, алифбоӣ; ~ **указатель** феҳристи алифбоӣ

алхимик *м* кимиёгар

алхимия *ж* кимиё

алчно *нареч.* ҳарисона, бо тамаъ, бо чашми гурусна

алчность *ж* ҳарисӣ, ҳирс, тамаъ

алчн||ый, -ая, -ое (алч|ен, -на, -но) 1. *уст.* (*голодный*) гурусна, гушна 2. *перен.* (*страстно желающий*) ҳарис(она), озманд, пуршааҷу ҳавас 3. ҳарис, тамаъкор, пуртамаъ, чашмгурусна; ~**ый к деньгам** ҳариси пул; **смотреть** ~**ыми глазами** бо чашмони пуртамаъ нигоҳ кардан

алый, -ая, -ое (ал, ала, ало) сурх, сурхи баланд, суп-сурх, гулгун, ол; **алая лента** лентаи сурх; **её щёки горели алым румянцем** рухсораи вай гулгун буд

алыча́ *ж (дерево)* дарахти олуча; *(плод)* олуча

алычо́в||ый, -ая, -ое ...и олуча, олучагӣ; ...и дарахти олуча; **~ое варе́нье** мураббои олуча; **~ый сад** олучазор

аль *союз см.* **али**

альбатро́с *м зоол.* альбатрос, уқоби баҳрӣ

альбини́зм *м* альбинизм, золи *(сафедии гайриоддии пуст ва мӯй)*

альбино́с *м* альбинос, зол *(одам ё ҳайвони гирифтори альбинизм)*

альбо́м *м* альбом, дафтар; **~ фотогра́фий** альбоми суратҳои фотографӣ; **~ для стихо́в** баёз

альбо́мн||ый, -ая, -ое ...и альбом; **~ый лист** варақаи альбом ◇ **~ые стихи́** шеърҳои маҳрамона

альбуми́нный, альбуми́новый, -ая, -ое ...и альбумин(ҳо), альбуминӣ; **~ заво́д** заводи альбумин

альбуми́ны *мн.* *(ед.* **альбуми́н** *м) биохим.* альбуминҳо *(моддаҳои соддаи сафеда, ки дар об ҳал мешаванд)*

альвео́лы *мн.* *(ед.* **альвео́ла** *ж) анат.* альвеолаҳо (1. *ҳубобчаҳои нӯги найчаҳои шуш, ки вақти нафаскашӣ ба онҳо ҳаво медарояд* 2. *чуқурчаҳои решаҳои дандон)*

альвеоля́рн||ый, -ая, -ое ...и альвеола, альвеолӣ ◇ **~ые согла́сные** *лингв.* овозҳои ҳамсадои альвеолӣ *(овозҳои ҳамсадо, ки дар вақти талаффуз нӯги забон ба альвеолаҳои ҷоғи боло мерасад)*

алько́в *м* тоқ, равоқ, тахтмон

алько́вный, -ая, -ое 1. ...и тоқ, ...и равоқ, ...и тахтмон 2. *перен.* шаҳвонӣ, ишқӣ, ошиқона; **~ рома́н** романи ишқӣ

альмана́х *м* альманах *(маҷмуаи асарҳои нависандагони гуногун)*

альпешто́к *м* альпешток *(чубдасти кӯҳнавардӣ)*

альпи́йск||ий, -ая, -ое 1. альпӣ, ...и Альпҳо 2. ...и баландкӯҳ, ...и кӯҳҳои баланд; **~ая расти́тельность** растаниҳои баландкӯҳ; **~ие луга́** чаманзорҳои баландкӯҳ

альпина́рий *м* альпинарий *(қитъаи боғи ботаникӣ, ки дар он растаниҳои баландкӯҳ шинонда ё кошта мешаванд)*

альпиниа́да *ж* альпиниада *(кӯҳнавардии оммавӣ)*

альпини́зм *м* альпинизм, кӯҳнавардӣ, кӯҳгардӣ, кӯҳбароӣ

альпини́ст *м* альпинист, кӯҳнавард, кӯҳгард

альпини́стка *женск. к* **альпини́ст**

альпини́стский, -ая, -ое ...и альпинист, ...и кӯҳнавардон, ...и кӯҳнавардӣ; **~ ла́герь** лагери кӯҳнавардон

альт *м муз.* альт (1. *овози бами бачагона ё занона* 2. *асбоби мусиқӣ, ки бо камонча ё бо нафас навохта мешавад)*

альтера́ция *ж муз.* альтерация *(як ё ним парда баланд, ё паст шудани овоз)*

альтернати́ва *ж* альтернатива (1. *аз ду якеро интихоб кардан* 2. *ҳар яке аз ду ҳолати имконпазир)*

альтернати́вн||ый, -ая, -ое (альтернати́в|ен, -на, -но) ...и альтернатива, альтернативӣ; **~ые сужде́ния** мулоҳизаҳои (фикру мулоҳизаҳои) альтернативӣ; **~ое реше́ние** қарори альтернативӣ, ягона қарори имконпазир

альтиме́тр *м ав.* альтиметр, баландиченкунак

альти́ст *м* альтнавоз

альти́стка *женск. к* **альти́ст**

альто́вый, -ая, -ое *муз.* ...и альт, альтӣ; **~ тембр го́лоса** оҳанги альтии овоз; **~ ключ** мифтоҳи альтӣ

альтруи́зм *м* альтруизм, ғайркомӣ, ғамхории бегаразона

альтруи́ст *м* альтруист, ғайрком одамдуст

альтруисти́ческий, -ая, -ое ...и альтруизм, ...и ғайркомӣ, ...и ғамхории беғаразона; **~ посту́пок** рафтори беғаразона

альтруи́стка *женск. к* **альтруи́ст**

а́льф||а *ж* альфа *(номи ҳарфи якуми алифбои юнонӣ)* ◇ **~а и оме́га** 1) аввалу охир, ибтидою интиҳо 2) асос, мазмун, моҳият; **от ~ы до оме́ги** аз аввал то охир, аз оғоз то анҷом

альфа-излуче́ние *с физ.* альфа-шуоъафканӣ

альфа-лучи́ *мн. физ.* альфа-шуоъҳо

альфа-распа́д *м физ.* альфа-коҳиш

а́льфа-части́цы *мн. физ.* альфа-зарраҳо

альфо́нс *м уст. разг.* альфонс, даюс

алья́нс *м* альянс, иттифоқ, иттиҳод

алюми́ниев||ый, -ая, -ое алюминӣ, ...и алюминий, алюминийдор; **~ая промы́шленность** саноати алюминий; **~ые спла́вы** хулаи алюминий; **~ая ло́жка** қошуқи алюминӣ

алюми́ний *м хим.* алюминий *(элементи химиявӣ металл)*

аляпова́то *нареч.* бе нафосат, дурушт, дағалона; **э́ти украше́ния сде́ланы ~** ин олоти зевар дурушт сохта шудааст

аляпова́тость *ж* бенафосатӣ, дурушт, дағалӣ

аляпова́т||ый, -ая, -ое (аляпова́т, -а, -о) бенафосат, дурушт, дағал(она), алагда; **~ая игру́шка** бозичаи дурушт

амазо́нка *ж уст.* 1. *(всадница)* саворазан 2. амазонка *(либоси дарози занона барои саворагардӣ)* 3. *миф.* амазонка *(зани ҷанговар аз афсонаҳои Юнони Қадим)*

амальга́ма *ж* амальгама, малғама, сири оина *(омехтаи ягон металл бо симоб)*; **~ зе́ркала** сири оина

амальгама́ция *ж* амальгамация, сирдавонӣ *(тарзи аз маъдан ҳосил намудани металли тоза ба воситаи дар симоб ҳал кардани он)*

амальгами́рование *с (по знач. гл.* **амальгами́ровать)** амальгама (малғама) сохтан(и); амальгама (малғама) давондан(и), сирдодан(и)

амальгами́ровать *сов., несов. что* 1. амальгама (малғама) сохтан, дар симоб ҳал кардан 2. амальгама (малғама) давондан, сир давондан, сир додан; **~ зе́ркало** оинаро сир давондан

амальга́мный, -ая, -ое ...и амальгама, ...и малғама

амана́т *м уст. (заложник)* гаравӣ, гаравгон

амари́ллис *м бот.* наргис, амариллис

амба́р *м* анбор

амба́рн||ый, -ая, -ое ...и анбор; **~ая дверь** дари анбор

амбицио́зный, -ая, -ое (амбицио́з|ен, -на, -но) *уст.* сертакаббур, мағрур(она), ҳавобаланд(она)

амби́ци||я *ж* иззати нафс; такаббур, ғурур, ҳавобаландӣ ◇ **вломи́ться в ~ю** ҳавобаландӣ кардан

а́мбра *ж* анбар

амбразу́ра *ж* амбразура, почанг (1. *воен. шикофи тирандозии истеҳком ё танку киштии ҳарбӣ* 2. *архит. ҷои дар ё тиреза дар девор)*

амбре́ *с нескл. уст.* буи мушку анбар, хушбӯй

амбро́зия *ж* 1. амброзия *(дар асотири Юнони Қадим — таоми худоҳо)* 2. *уст. поэт. (благовоние)* накҳат, буи мушку анбар

амбулато́рия *ж* амбулатория *(муолиҷахона барои беморони, ки омада худро табобат кунонда мераванд)*

амбулато́рный, -ая, -ое амбулаторӣ, ...и амбулатория; **~ приём** қабули беморон дар амбулатория; **~ больно́й** бемори амбулаторӣ

амво́н *м церк.* минбар

амёба *ж* амёба *(ҷонвари соддатарини якҳуҷайра)*

америка́нец *м* америкоӣ, америкагӣ

америка́нка *ж* америкоизан, америкоидухтар, зани (духтари) америкоӣ

америка́нский, -ая, -ое америкоӣ, америкагӣ, ...и америкоиҳо, ...и Америка; **~ матери́к** қитъаи Америка

америка́нцы *мн.* америкоиҳо, америкагиҳо, халқҳои Америка

амети́ст *м* нилум, лаъли кабуд, аметист

амети́стов||ый, -ая, -ое ...и нилум, ...и лаъли кабуд, ...и аметист, нилумин; **~ые при́иски** кони нилум; **~ые се́рьги** гушвораи нилум

ами́нь 1. *частица утв. церк.* омин 2. *в знач. сказ.* тамом, тамом вассалом; **с ны́нешнего дня — ~!** аз ҳамин руз иборат тамом вассалом!

аммиа́к *м хим.* аммиак *(гази беранг, ки бӯи тунду тез дорад)*

аммиа́чн||ый, -ая, -ое ...и аммиак; **~ый заво́д** заводи аммиак; **~ые соедине́ния** пайвастаҳои аммиак

аммона́л *м* аммонал *(моддаи тарканда)*

аммо́ний *м* аммоний (1. *хим. моддаи химиявии мураккаб аз гуруҳи атомҳо, ки ба аммиак ва гидроген ҷудо мешавад* 2. *моддаи хока, ки чун хамирмоя кор фармуда мешавад)*

аммони́йн||ый, -ая, -ое ...и аммоний; **~ые со́ли** намакҳои аммоний

амнисти́рование *с (по знач. гл.* **амнисти́ровать)** амнистия кардан(и), афви умумӣ кардан(и)

амнисти́ровать *сов., несов. кого* амнистия кардан, афви умумӣ кардан

амнистироваться *несов. страд.* амнистия шудан, аз руи авфи умумӣ озод шудан

амнисти||я *ж юр.* амнистия, афви умумӣ; **объявить ~ю** амнистия эълон кардан

аморализм *м* бадахлоқӣ, бадрафторӣ, бадкирдорӣ

аморальность *ж* бадахлоқӣ, беадабӣ, бадахлоқ буда(и); **~ поведения** бадрафторӣ, берун аз ахлоқ будани рафтор

аморальный, -ая, -ое (амора|лен, -льна, -льно) бадахлоқ(она), беадаб(она), берун аз ахлоқ; **~ поступок** кирдори бадахлоқона (берун аз ахлоқ); **~ человек** одами бадахлоқ

амортизатор *м тех.* амортизатор (*асбоби сусткунандаи бардорузани мошин, самолёт ва ғ.*); **пружинный ~** амортизатори фанарӣ

амортизационн||ый, -ая, -ое *в разн. знач.* ...и амортизация, амортизационӣ; **~ый срок** *эк.* муҳлати амортизация; **~ые отчисления** *эк.* маблағи амортизация; **~ое устройство** *тех.* асбоби амортизация

амортизация *ж* амортизация (1. *эк. тадриҷан кам шудани қимати мошинҳо, биноҳо ва ғ. ба сабаби кӯҳна шуданашон* 2. *ба нархи маҳсулот кам-кам зам кардани арзиши мошинҳо, биноҳо ва ғ.* 3. *тех. ба воситаи асбоби махсус суст кардани бардорузани мошин, самолёт ва ғ.*)

амортизировать *сов., несов. что* амортизация кардан

амортизироваться *несов. страд.* амортизация шудан

аморфность *ж* 1. *хим., мин.* аморфӣ будан(и) 2. *книжн.* бешаклӣ, бесуробӣ

аморфн||ый, -ая, -ое (аморф|ен, -на, -но) 1. *хим., мин.* аморфӣ (*сохти ғайри кристаллӣ*); **~ое вещество** моддаи аморфӣ; **~ое состояние** ҳолати аморфӣ 2. *книжн.* бешакл, номуайяншакл, бесуроб ◇ **~ые языки** *лингв.* забонҳои аморфӣ (*забонҳое, ки калимаҳои онҳо сиға ва тасриф надорад, мисли забони хитоӣ*)

ампер *м физ.* ампер (*воҳиди қиёсии қувваи электр*)

амперметр *м тех.* амперметр, амперсанҷ (*асбоби санҷиши қувваи электр*)

амперный, -ая, -ое ...и ампер

ампир *м иск.* ампир (*услуби классицизми мутааххир дар меъморӣ, ки аввали асри 19 дар Франция ба вуҷуд омада буд*); **в стиле ~** дар услуби ампир

ампирн||ый, -ая, -ое *иск.* ...и услуби ампир; **~ая мебель** мебели услуби ампир

амплитуда *ж* 1. *физ.* амплитуда (*фосилаи як мавҷ*); **~ качания маятника** амплитудаи ҷунбиши лангарак 2. *перен.* (*размах*) вусъат

амплитудный, -ая, -ое *физ.* ...и амплитуда

амплуа *с нескл.* 1. *театр.* амплуа (*рольҳои муайяне, ки ба хусусият ва истеъдоди артист мувофиқанд*); **~ комика** амплуаи ширинкор 2. *перен.* роль, ихтисос

ампула *ж* ампул(а) (1. *мед. шишачаи сарбастаи дору* 2. *анат. қисми дамидаи узвҳои найчашакл*)

ампутационный, -ая, -ое ...и ампутация, ...и буридапартоӣ

ампутация *ж мед.* ампутация, буридапартоӣ (*қисман ё комилан бурида партофтани ягон узви бадан*); **~ ноги** ампутацияи пой

ампутировать *сов., несов. что мед.* ампутация кардан, бурида партофтан

ампутироваться *несов. страд.* ампутация шудан, бурида партофта шудан

амулет *м* тумор, бозубанд; тилисм

амуниция *ж уст.* амуниция, асбобу анҷоми аскар

амур *м* 1. *миф.* амур (*дар асотири қадим — худои ишқ*) 2. *мн.* **амуры** *уст. прост.* ишқбозӣ, муошиқат

амурничать *несов. уст. прост.* ишқбозӣ кардан, ишқ варзидан

амурн||ый, -ая, -ое *уст. прост.* ...и ишқ, ...и ишқбозӣ; **~ые дела** ишқбозиҳо, муошиқат

амфибии *мн.* 1. *зоол.* ҳайвонҳои дубаҳра (обхокӣ) 2. *бот.* растаниҳои обхокӣ

амфибия *ж* амфибия (*самолёт, мошин ё танке, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ гашта метавонад*)

амфибрахий *м лит.* амфибрахий (*вазни рукнаш сеҳиҷоӣ, ки зада ба ҳиҷои дуюм меафтад*)

амфитеатр *м* 1. *ист.* амфитеатр (*дар Юнон ва Рими Қадим — тамошогоҳи болокушодаи нишастгоҳаш гирда ё нимдоираи зина-зина* 2. *театр.* амфитеатр (*нишастгоҳи зина-зина дар ақиби партер*) 3. *в знач. нареч.* **амфитеатром** зинавор, зина-зина

амфора *ж* амфора (*дар Юнон ва Рими Қадим — кузаи гарданборики дудаста барои май, равған ва ғ.*)

ан *прост.* 1. *союз против.* якбора, дафъатан, аммо, вале, ногаҳон; **все решили, что он уже не придёт, ан пришёл** ҳама гумон мекарданд, ки вай дигар намеояд, аммо ӯ омада монд 2. *частица* ҳар чи бошад ҳам; **больше не пойдёшь? — Ан пойду** дигар намеравӣ? — Ҳар чи бошад ҳам, меравам

ан: *приставка см.* **а:**

анабиоз *м биол.* анабиоз (*муваққатан суст ё қатъ шудани процесси ҳаёт дар организми баъзе мавҷудоти зинда*)

анабиотическ||ий, -ая, -ое ...и анабиоз, анабиозӣ; **~ое состояние** ҳолати анабиоз

анаграмма *ж лит.* анаграмма, таҳриф (*ивази ҷои ҳарфҳои калима, ки дар натиҷа калимаи нав ба вуҷуд меояд, мас.: «мазмун — манзум» ё ки «ман — нам»*)

анаконда *ж* анаконда (*калонтарин ҷинси мори печон*)

анакреонтическ||ий, -ая, -ое *лит.* анакреонӣ (*аз номи шоири юнонӣ Анакреонт*); **~ая поэзия** назми анакреонти (*ашъор дар васфи ишқ, май, шодкомӣ*)

анализ *м* анализ, таҳлил, таҷзия; **химический ~** таҳлили химиявӣ; **количественный ~** *хим.* таҳлили миқдорӣ; **~ крови** *мед.* таҷзияи хун; **~ почвы** *с.-х.* таҷзияи хок; **~ литературного произведения** таҳлили асари адабӣ

анализатор *м физ., тех.* анализатор, асбоби таҳлил

анализирование *с* (*по знач. гл.* **анализировать**) анализ (таҳлил) кардан(и), таҳлил

анализировать *сов., несов. что* анализ (таҳлил) кардан

анализироваться *несов. страд.* анализ (таҳлил) шудан

аналитик *м* аналитик, таҳлилкунанда (1. *мутахассисе, ки бо анализҳои гуногун машғул мешавад* 2. *касе, ки ба таҳлили ҳиссиёт, рафтору кирдор ва ғ. майл дорад*)

аналитическ||ий, -ая, -ое 1. аналитики, таҳлилӣ, ...и анализ; **~ий метод** усули таҳлилӣ 2. аналитики, қобили таҳлил; **~ий ум** ақли қобили таҳлил 3. ...и анализ, ...и таҳлил; **~ие весы** тарозуи таҳлил ◇ **~ая геометрия** геометрияи таҳлилӣ; **~ая химия** химияи таҳлилӣ; **~ие языки** *лингв.* забонҳои аналитикӣ (*забонҳое, ки дар онҳо робитаи калимаҳо на бо тағйири шакли калимаҳо, балки бо тартиби калима дар ҷумла, кор фармудани калимаҳои ёридиҳанда ва ғ. ифода меёбад*)

аналог *м книжн.* аналог (*чизе, ки ба чизи дигар монанд аст*)

аналогический, -ая, -ое 1. аналогӣ, ба аналогия асосёфта, қиёсӣ; **~ метод** усули қиёсӣ 2. *уст. см.* **аналогичный**

аналогичность *ж* аналогӣ будан(и), монанд будан(и), шабоҳат доштан(и), шабоҳият

аналогичный, -ая, -ое (аналогич|ен, -на, -но) аналогӣ, монанд, шабеҳ; **~ случай** воқеаи шабеҳ

аналоги||я *ж* аналогия, монандӣ, шабоҳат; қиёс; **полная ~я** монандии том; **частичная ~я** монандии ҷузъӣ; **исторические ~и** аналогияҳои таърихӣ; **по ~и** *с чем* аз руи қиёс, қиёсан; **провести ~ю** қиёс кардан

аналой *м церк.* аналой (*мизи китоб ва икона дар калисо*)

анальн||ый, -ая, -ое *анат* ...и мақъад; **~ое отверстие** мақъад

анамнез *м мед.* анамнез (*маълумоте, ки аз бемор ё атрофиёнаш дар хусуси пайдоиши касалӣ гирифта мешавад*)

ананас *м* ананас (*номи растании тропики ва меваи он, ки хушбӯй ва лазиз аст*)

ананасн||ый, ананасов||ый, -ая, -ое ...и ананас; **~ые листья** барги ананас; **~ый сок** оби (афшураи) ананас

анапест *м лит.* анапест (*вазни рукнаш сеҳиҷоӣ, ки задааш дар ҳиҷои сеюм меояд*)

анархи́зм *м* 1. анархизм (*ҷараёни ҷамъиятӣ-сиёсии майдабуржуазии зидди марксизм*) 2. *перен.* худсарӣ, бенизомӣ, ҳарҷу марҷ

анархи́ст *м* 1. анархист, тарафдори анархизм 2. одами худсар

анархи́стка *женск. к* **анархи́ст**

анархи́стск||ий, -ая, -ое 1. анархисти, анархистона, ...и анархист; **~ие взгля́ды** ақидаҳои анархисти 2. *перен.* худсарона

анархи́ческ||ий, -ая, -ое ...и анархизм, анархисти, ...и анархия; **~ая тео́рия** назарияи анархисти

анархи́чность *ж* ба анархия моил будан(и), бетартибӣ, бенизомӣ

анархи́чный, -ая, -ое (анархи́ч|ен, -на, -но) ба анархия моил, бетартиб, бенизом

ана́рхия *ж* 1. анархия, беҳокимиятӣ, бесарӣ 2. анархия, бетартибӣ, худсарӣ; **~ произво́дства** *эк.* анархияи истеҳсолот 3. *перен. разг.* ҳарҷу марҷ, бесарусомонӣ

ана́рхо-синдикали́зм *м* анархо-синдикализм (*ҷараёни майдабуржуазии оппортунисти дар ҳаракати байналхалқии коргари*)

ана́рхо-синдикали́ст *м полит.* анархо-синдикалист, тарафдори анархо--синдикализм

ана́рхо-синдикали́стск||ий, -ая, -ое *полит.* анархо-синдикалисти, ...и анархо-синдикализм, ...и анархо-синдикалист; **~ое тече́ние** ҷараёни анархо-синдикалисти

анато́м *м* анатом (*мутахассиси анатомия*)

анатоми́рование *с* (*по знач. гл.* **анатоми́ровать**) ташреҳ (чок) кардан(и); **~ тру́па** ташреҳи майит

анатоми́ровать *сов., несов. что* ташреҳ (чок) кардан

анатоми́роваться *несов. страд.* ташреҳ (чок) карда шудан

анатоми́ческ||ий, -ая, -ое ...и анатомия, анатомӣ, ...и ташреҳ, ташреҳӣ; **~ие иссле́дования** тадқиқоти ташреҳӣ; **~ий а́тлас** атласи анатомӣ ◇ **~ий теа́тр** ташреҳгоҳ

анатоми́чка *ж разг. см.* **анатоми́ческий (анатоми́ческий теа́тр)**

анато́ми||я *ж* анатомия, илми ташреҳ; **занима́ться ~ей** бо илми ташреҳ машғул шудан // (*строение организма*) анатомия, сохт; **~я челове́ка** анатомияи (сохти) бадани одам; **~я расте́ний** сохти наботот

ана́фем||а *ж* 1. *церк.* такфир; **преда́ть ~е** лаънат хондан, радди калисо кардан 2. *прост. бран.* лаънатӣ, лаин, худозада

анафо́ра *ж лит.* ҳусни такрор (*такрори айни як калима ё таркиб дар аввали чанд байт*)

анахоре́т *м уст. книжн.* (*отшельник*) зоҳид; гӯшанишин, хилватнишин; **жить ~ом** гӯшанишинӣ кардан

анахрони́зм *м* анахронизм (1. *саҳван нисбат додани воқеаи як давра ба давраи дигар* 2. *ақидаҳо ё мафҳумҳои аздаҳанмонда; урфу одатҳои кӯҳна*)

анахрони́ческий, -ая, -ое ...и анахронизм, анахронӣ, кӯҳна

анахрони́чный, -ая, -ое (анахрони́ч|ен, -на, -но) кӯҳнашуда, аз истеъмол баромада; ...и анахронизм

анаэро́бн||ый, -ая, -ое *биол.* анаэробӣ, ...и анаэробҳо; **~ые бакте́рии** бактерияҳои анаэробӣ; **~ая инфе́кция** инфекцияи анаэробӣ

анаэро́бы *мн.* (*ед.* **анаэро́б** *м*) *биол.* анаэробҳо (*организмҳое, ки бе кислород зиста ва инкишоф ёфта метавонанд*)

ангажеме́нт *м уст. театр.* ангажемент, даъват ба кор (*муваққатан ба кор даъват кардани артистҳо*); **получи́ть ~** ангажемент гирифтан, ба кор даъват шудан

ангажи́ровать *сов., несов. кого уст.* 1. *театр.* ангажемент кардан, ба кор даъват кардан 2. ба рақс таклиф кардан

ангажи́роваться *уст.* 1. *сов., несов. театр.* ангажементро (даъватро) қабул кардан 2. *несов. страд.* ангажемент карда шудан

анга́р *м ав.* ангар (*ҷои ист ва таъмири самолёт*)

а́нгел *м* 1. *рел.* малак, фаришта 2. *перен. уст.* (*идеал*) тимсол, намуна ◇ **мой ~, ~ мой** *обращ. уст.* ҷонам, ҷони ширин, азизам; **день ~а** *уст.* рӯзи номгузорӣ (номмонӣ)

а́нгельск||ий, -ая, -ое 1. *рел.* ...и малак, ...и фаришта 2. *перен. разг.* фариштавор, меҳрубон(она), ҳалим(она); **~ая улы́бка** табассуми меҳрубонона; **~ое терпе́ние** сабру тоқати комил; **~ий го́лос** овози форам, садои хуш; **~ий хара́ктер** фариштахӯ, нармтабиат

ангидри́д *м хим.* ангидрид, оксид (*пайвасти химиявӣ, ҳосилаи кислотаҳои органики ва ғайриорганикӣ, ки аз дегидратация ҳосил мешавад*)

ангидри́т *м мин.* ангидрит (*сульфати кальций, ки бо об омезанд ба гаҷ мубаддал мешавад*)

анги́на *ж мед.* ангина, дарди гулӯ

англи́йск||ий, -ая, -ое англисӣ, ...и англисҳо, ...и Англия; **~ий язы́к** забони англисӣ ◇ **~ая боле́знь** *уст.* дарди рахит; **~ая була́вка** сузанак, сарсузан; **~ий замо́к** қуфли англисӣ; **~ая соль** *фарм.* намаки англисӣ (*навъи доруи исҳол*)

англика́нск||ий, -ая, -ое англиканӣ (*мансуби мазҳаби протестантизми Англия*); **~ая це́рковь** калисои англиканӣ

англици́зм *м лингв.* англицизм (*тарзи ҷумлабандии англисӣ; калима ё ибораи аз забони англисӣ иқтибосшуда*)

англича́не *мн.* англисҳо, халқи Англия

англича́нин *м* англис

англича́нка *ж* англисзан, англисдухтар, зани (духтари) англис

а́нгло-америка́нский, -ая, -ое англисию америкоӣ

англома́н *м* англоман, англисипараст

англома́ния *ж* англомания, англисипарастӣ

англосаксо́нский, -ая, -ое англосаксонӣ, ...и англосаксҳо

англоса́ксы *мн.* англосаксҳо (*номи умумии қабилаҳои германӣ, ки дар асрҳои 5—6 Британияро тасарруф кардаанд*)

англофи́л *м* англофил, англисипараст

англофи́льство *с* англофилӣ, англисипарастӣ

анго́рск||ий, -ая, -ое ангорӣ; **~ая коза́** бузи ангорӣ

а́нгстрем *м физ.* ангстрем (*ченаки масофа, ки баробари садмиллионяки сантиметр аст*)

анда́нте *муз.* анданте (1. *нареч. оҳиста, равон — дар бораи суръати иҷрои асарҳои мусиқӣ* 2. *с нескл. асари мусиқӣ ё қисми он, ки равон иҷро мешавад*)

аневри́зм *м*, **аневри́зма** *ж мед.* аневризм (*дамидани девораҳои раги шараён*); **~ ао́рты** аневризми аорта

анекдо́т *м* 1. (*рассказ*) латифа, ҳикояти мазҳакавӣ 2. *перен. разг.* (*происшествие*) ҳодисаи хандаовар (аҷоиб), воқеаи фавқулодда ғалатӣ

анекдоти́ческ||ий, -ая, -ое 1. латифанамо 2. (*небывалый*) фавқулодда ғалатӣ, аҷоиб, аҷибу ғариб; **~ое происше́ствие** ҳодисаи аҷоиб

анекдоти́чность *ж* ғалатӣ (аҷоиб) будан(и)

анекдоти́чный -ая, -ое (анекдоти́ч|ен, -на, -но) *см.* **анекдоти́ческий** 2

анеми́ческ||ий, -ая, -ое камхун, ...и камхунӣ; **~ое состоя́ние** ҳолати камхунӣ

анеми́чность *ж* камхунӣ

анеми́чный, -ая, -ое (анеми́ч|ен, -на, -но) 1. *мед.* камхун 2. *перен.* беҳол, суст; рангпарида

анеми́я *ж мед.* камхунӣ

анемо́метр *м метео* анемометр, бодсанҷ

анемо́н *м*, **анемо́на** *ж бот.* гули шақоиқ, лолаи Нуъмон

анеро́ид *м метео* анероид (*навъи барометр*)

анестезио́лог *м* анестезиолог, духтури анестезияшинос

анестезиоло́гия *ж* анестезиология (*як соҳаи илми тиб*)

анестези́ровать *сов., несов. что мед.* анестезия кардан, беҳис (карахт) кардан; **~ операцио́нное по́ле** ҷои ҷарроҳишавандаро карахт кардан

анестези́роваться *несов. страд.* беҳис (карахт) карда шудан

анестези́рующ||ий, -ая, -ее *мед.* анестезикунанда, беҳискунанда, карахткунанда; **~ие сре́дства** доруҳои карахткунанда

анестези́я *ж мед.* анестезия (*карахт шудани ягон узв ё тамоми бадан*); **ме́стная ~** анестезияи ҷузъӣ; **о́бщая ~** анестезияи умумӣ

анили́н *м хим.* анилин, аннил (*моеи беранги заҳрдор, ки дар истеҳсоли моддаҳои тарканда, дорувор, рангубор ва ғ. кор фармуда мешавад*)

анили́нов||ый, -ая, -ое анилинӣ, ...и анилин, ...и аннил; **~ый заво́д** заводи анилин; **~ые краси́тели** рангубори аннил

анимали́ст *м* анималист *(рассом ё ҳайкалтароше, ки ҳайвонотро тасвир мекунад)*

анимизм *м этн.* анимизм *(ақидаи одамони ибтидоӣ, ки тамоми мавҷудоти дуньёро ҷондор мепиндоштанд)*

анимисти́ческ||ий, -ая, -ое *этн.* анимисти, ...и анимизм; **~ие ве́рования** ақидаҳои анимисти

ани́с *м* 1. *(растение)* бодиён; *(семена)* тухми бодиён 2. *(сорт яблони)* дарахти себи анис; *(сорт яблок)* анис, себи анис

ани́совка *ж* 1. *см.* **ани́с** 2; 2. *(анисовая водка)* арақи бодиён

ани́сов||ый, -ая, -ое ...и бодиён, бодиёнӣ; **~ое ма́сло** равғани бодиён

анкер *м тех.* 1. лангари соат 2. анкер *(чангаки оҳанин барои ба ҳам пайвастани қисмҳои мошин ё иморат)*

анкерн||ый, -ая, -ое *тех.* 1. лангарӣ, ...и лангар, лангардор; **часы́ на ~ом ходу́** соати лангарӣ 2. анкерӣ, ...и анкер; **~ый болт** мурвати анкерӣ

анке́т||а *ж* анкета, саволнома; **запо́лнить ~у** анкета пур кардан

анке́тн||ый, -ая, -ое ...и анкета, анкетӣ; **~ые данные** маълумоти анкетӣ

анна́лы *тк. мн. ист.* солнома

аннексионист *м* аннексионист, тарафдори аннексия, ғосиб, таҷовузкор

аннексиони́стск||ий, -ая, -ое ...и аннексия, аннексионисти, ...и аннексионист, ғосибона, таҷовузкорона; **~ая поли́тика империали́стов** сиёсати таҷовузкоронаи империалистон

аннексио́нный, -ая, -ое ...и аннексия, аннексионӣ, ...и ғосибӣ, ...и таҷовуз

аннекси́ровать *сов., несов. что* аннексия (ғасб) кардан, таҷовуз кардан

аннекси́роваться *несов. страд.* аннексия (ғасб) шудан, тасарруф шудан

анне́ксия *ж* аннексия, ғасб, таҷовуз, илҳоқи ҷабрӣ

аннота́ция *ж* аннотация, шарҳи мухтасар; **~ вы́шедших книг** шарҳи мухтасари китобҳои нашршуда

анноти́рование *с (по знач. гл.* **анноти́ровать***)* аннотация (тавсиф) кардан(и), мухтасар шарҳ кардан(и)

анноти́ровать *сов., несов. что* аннотация (тавсиф) кардан, мухтасар шарҳ додан

анноти́роваться *несов. страд.* аннотация (тавсиф) карда шудан, шарҳ ёфтан

аннули́рование *с (по знач. гл.* **аннули́ровать***)* бекор (лағв) кардан(и), аз эътибор соқит кардан(и); **~ долго́в** аз эътибор соқит кардани қарзҳо

аннули́ровать *сов., несов. что* бекор (лағв) кардан, аз эътибор соқит кардан; **~ до́говор** шартномаро бекор кардан

аннули́роваться *несов. страд.* бекор (лағв) карда шудан, аз эътибор соқит шудан

ано́д *м физ.* анод *(электроди зарядаш мусбат)*

ано́дн||ый, -ая, -ое ...и анод, анодӣ; **~ый ток** ҷараёни анодӣ; **~ая батаре́я** батареяи анодӣ

анома́лия *ж* аномалия, нодурустӣ, хилофи қоида будан(и); **~ в физи́ческом разви́тии** нодурустии инкишофи ҷисмонӣ ◇ **магни́тная ~** *физ.* аномалияи мағнитӣ

анома́льн||ый, -ая, -ое (анома|лен, -льна, -льно) аномалӣ, ғайриоддӣ, ғайримуқаррарӣ, хилофи қоида; **~ое явле́ние** ҳодисаи ғайриоддӣ

анони́м *м* аноним (1. *муаллифи асар ё мактуб, ки номи худро пинҳон медорад* 2. *асар ё мактубе, ки номи имзои муаллифаш нест)*

анони́мка *ж разг. см.* **анони́мный (анони́мное письмо́)**

анони́мн||ый, -ая, -ое 1. анонимӣ, номаълум, ...и номаш номаълум; **~ый а́втор** муаллифи номаълум 2. беимзо; **~ое письмо́** мактуби беимзо

ано́нс *м* анонс, эълон, огоҳӣ *(дар хусуси спектакль, концертҳои оянда ва ғ.)*

анонси́ровать *сов., несов. что, о чём* эълон кардан, огоҳонидан

анонси́роваться *несов. страд.* эълон карда шудан, огоҳонида шудан

анорма́льн||ый, -ая, -ое (анорма́|лен, -льна, -льно) ғайритабиӣ, ғайримуқаррарӣ; **~ое явле́ние** ҳодисаи ғайритабиӣ

ано́фелес *м зоол.* анофелес, магаси вараҷа

анса́мблев||ый, -ая, -ое *в разн. знач.* ансамблӣ, ...и ансамбль; **~ое пе́ние** хониши ансамблӣ; **~ые застро́йки** биноҳон ба тарзи ансамбль сохташуда

анса́мбль *м* ансамбль (1. *мутаносибӣ ва мувофиқати қисмҳои ягон чизи бутун* 2. *дастаи ҳофизон, созандагон, раққосон ва ғ.* 3. *маҷмуи биноҳое, ки як манзараи мутаносибро ташкил мекунад)*

антагони́зм *м* антагонизм, зиддияти оштинопазир, зиддият; **кла́ссовый ~** зиддияти синфӣ

антагони́ст *м* 1. антагонист, мухолиф 2. *мн.* **антагони́сты** *биол., анат.* антагонистҳо *(узвҳо ё моддаҳое, ки амалашон мухолифи якдигар аст, мас. мушакҳои қатшаванда ва ростшаванда)*

антагонисти́ческ||ий, -ая, -ое антагонисти, оштинопазир, мухолиф; **~ие кла́ссы** синфҳои антагонистӣ; **~ие противоре́чия** зиддияти оштинопазир

антагонисти́чный, -ая, -ое (антагонисти́ч|ен, -на, -но) *см.* **антагонисти́ческий**

Анта́рктика *ж* Антарктика *(минтақаи Қутби Ҷануби кураи замин)*

антаркти́ческ||ий, -ая, -ое антарктикӣ, ...и Антарктика, ...и Қутби Ҷануб; **~ая экспеди́ция** экспедициян антарктикӣ

анте́нна *ж* антенна *(асбоби қабул ё пароканиши мавҷҳои электромагнит)*; **передающая ~** антеннаи пароканиши мавҷҳои электромагнит; **приёмная ~** антеннаи қабули мавҷҳои электромагнит

анте́нн||ый, -ая, -ое ...и антенна, антеннагӣ; **~ое обору́дование** таҷҳизоти антенна

анти: *приставка (префиксе, ки зид ё мухолиф буданро мефаҳмонад)*: **антирелигио́зный** зиддидинӣ; **антифаши́стский** зиддифашистӣ

антиалкого́льный, -ая, -ое зиддиалкоголӣ, зиддимайзадагӣ, зиддибадмастӣ

антибио́тики *мн. (ед.* **антибиотик** *м)* антибиотикҳо *(моддаҳое, ки аз микробҳо, ҳуҷайраҳои ҳайвонот ё наботот тайёр карда шуда ин ё он бактерияро нобуд мекунад)*

антивещество́ *с физ.* антимодда *(моддае, ки аз антизарраҳо таркиб ёфтааст)*

антивое́нный, -ая, -ое зидди ҷанг, зиддиҷангӣ; **~ конгре́сс** конгресси зидди ҷанг

антидемократи́ческий, -ая, -ое зиддидемократӣ, зидди демократия

антидиалекти́ческий, -ая, -ое зиддидиалектикӣ, зидди диалектика

антиимпериалисти́ческий, -ая, -ое зиддиимпериалистӣ, зидди империализм; **междунаро́дный ~ ла́герь** лагери байналхалқии зидди империализм

антиистори́ческий, -ая, -ое зиддитаърихӣ, хилофи таърих

анти́к *м уст.* антиқ, антиқа, атиқа

антиквар *м* 1. *уст.* антиқачӣ, атиқашинос 2. атиқафуруш

антиквариа́т *м* атиқафурушӣ

антикварий *м уст. см.* **антиквар**

антикварн||ый, -ая, -ое ...и атиқа, ...и атиқафурушӣ; **~ые ве́щи** чизҳои атиқа; **~ый магазин** магазини атиқафурушӣ

антикоагулянт *м* доруи зидди дурдабандии хун

антикоммуни́зм *м* антикоммунизм *(идеология ва сиёсати душманона, ки зидди назария ва амалияи коммунисти равона шудааст)*

антикоммунисти́ческ||ий, -ая, -ое зиддикоммунистӣ, зидди коммунизм; **~ая поли́тика** сиёсати зиддикоммунистӣ

антило́па *ж* антилопа, ғизол

антимаркси́стский, -ая, -ое зиддимарксистӣ, зидди марксизм

антиматериалисти́ческий, -ая, -ое зиддиматериалистӣ, зидди материализм

антимилитари́зм *м* зидди милитаризм *(ҳаракати оммавии байналхалқи ба муқобили ҷангҳои империалистӣ ва муқобили сиёсати ҷангҷӯӣ)*

антимилитарист *м* зиддимилитарист

антимилитари́стский, -ая, -ое зиддимилитаристӣ, зидди милитаризм

антими́р *м* антиолам *(олами фарзӣ, ки аз антимоддаҳо таркиб ёфтааст)*

антимо́ни||я *ж*: **разводить ~и** *прост.* сергапӣ кардан, лаққидан, кашолгапӣ кардан, гапро лаҷоҷ додан

антимонополисти́ческий, -ая, -ое зиддимонополиягӣ, зидди монополия

антинаро́дн||ый, -ая, -ое зиддихалқӣ; **~ая поли́тика буржуа́зных прави́тельств** сиёсати зиддихалқии ҳукуматҳои буржуазӣ

антинау́чн||ый, -ая, -ое зиддиилмӣ, зидди илм; **~ые реакцио́нные тео́рии** назарияҳои реакционии ғайриилмӣ

антинациона́льн||ый, -ая, -ое зиддимиллӣ; **~ая поли́тика буржуа́зных прави́тельств** сиёсати зиддимиллии ҳукуматҳои буржуазӣ

антинейтро́н *м физ.* антинейтрон (*ҳиссачаи соддаи нейтрали, ки нисбат ба нейтрон зиддизарра мебошад*)

антино́мия *ж филос., лог.* антиномия (*ба ҳамдигар муқобил будани ду фикр ё ду қоида, ки ба алоҳидагӣ дуруст эътироф мешавад*)

антиобще́ственный, -ая, -ое зиддиҷамъиятӣ, зидди ҷамъият; **~ посту́пок** кирдори зиддиҷамъиятӣ

антипарти́йный, -ая, -ое зиддипартиявӣ

антипати́ческ||ий, -ая, -ое антипатӣ, ...и нафрат, ...и кароҳат, ...и адоват, бад; **~ое чу́вство** ҳисси нафрат

антипати́чный, -ая, -ое (антипати́ч|ен, -на, -но) баднамо, манфур, нафратовар, кареҳ; **~ челове́к** одами нафратовар

антипа́ти||я *ж* антипатия, бадбинӣ, нафрат, адоват, кароҳат; **чу́вствовать ~ю к кому́-л.** касеро бад дидан; **он внуша́ет мне ~ю** аз вай нафратам меояд

антипо́д *м* 1. *мн.* **антипо́ды** антиподҳо (*аҳолии ду нуқтаи мутақобили кураи замин*) 2. *книжн.* антипод (*касе, ки хислат, завқ ва фикру ақидааш муқобили касе дигар мебошад*)

антиправи́тельственный, -ая, -ое зиддиҳукуматӣ, ...и зидди ҳукумат

антипрото́н *м физ.* антипротон (*ҳиссачаи зарядаш манфии содда, ки зидди зарраи протон мебошад*)

антираси́зм *м* зиддинажодпарастӣ

антирелигио́зн||ый, -ая, ое зиддидинӣ, зидди дин; **~ая пропага́нда** ташвиқоти зиддидинӣ

антисанита́рн||ый, -ая, -ое ғайрисанитарӣ, ифлос, чиркин; **~ые усло́вия** шароити ғайрисанитарӣ

антисейсми́ческий, -ая, -ое зиддисейсмикӣ, зилзилабардор, зилзилатобовар

антисеми́т *м* антисемит, яҳудибадбин

антисемити́зм *м* антисемитизм, яҳудибадбинӣ (*адовати миллии нисбат ба яҳудиён, ки онро реакционерҳо бо мақсадҳои синфӣ ва сиёсии худ ба вуҷуд меоваранд*)

антисеми́тский, -ая, -ое антисемитӣ, зиддияҳудӣ, ...и антисемитизм

антисе́птика *ж мед.* антисептика (1. *тамиз кардани ҷароҳат* 2. *моддаҳои зидди уфунат*)

антисепти́ческ||ий, -ая, -ое антисептикӣ, ...и антисептика, зиддиуфунӣ; **~ие сре́дства** доруҳои антисептикӣ

антисоветизм *м* антисоветизм (*идеология ва сиёсати душманонаи капитализми ҳозира бар зидди СССР*)

антисове́тский, -ая, -ое зиддисоветӣ

антисове́тчина *ж разг. презр.* тарғиботи зиддисоветӣ

антите́за *ж* 1. *лит.* антитеза, санъати тазодд 2. *см.* **антите́зис**

антите́зис *м филос. лог.* антитезис, акси тезис

антитела́ *мн.* (*ед.* **антите́ло** *с*) *биохим.* ҷисми бегона (*моддаҳое, ки дар натиҷаи ба организм дароварда шудани сафедаҳои бегона, бактерияҳо ва ғ. пайдо мешаванд*)

антитокси́ны *мн.* (*ед.* **антитокси́н** *м*) *биохим.* антитоксинҳо (*моддаҳое, ки дар организм аз таъсири токсинҳо пайдо мешаванд ва токсинҳоро безарар кунонда метавонанд*)

антитокси́ческ||ий, -ая, -ое *биохим.* антитоксинӣ; **~ая сы́воротка** зардоби антитоксинӣ

антифаши́ст *м* антифашист, зиддифашист

антифаши́стка *женск. к* **антифаши́ст**

антифаши́стский, -ая, -ое антифашистӣ, зиддифашистӣ; **~ комите́т молодёжи** комитети зиддифашистии ҷавонон

антифеода́льный, -ая, -ое зиддифеодалӣ

антифри́зы *мн.* (*ед.* **антифри́з** *м*) *хим.* антифризҳо (*моддаҳое, ки температураи яхбандии обро паст мекунанд*)

анти́христ *м* 1. даҷҷол, хари даҷҷол (*дар асотири насрониён — душмани асосӣ ва охирини Исо аст, ки гӯё пеш аз қиёмат пайдо мешавад*) 2. *уст. прост. бран.* кофир, беимон, ғаддор, малъун

антихудо́жественный, -ая, -ое (антихудо́жествен, -на, -но) бенафосат, зидди нафосат, ғайрибадеӣ

антицикло́н *м метео* антициклон (*доираи фишори баланди атмосфера*); **полоса́ ~а** минтақаи антициклон

античасти́цы *мн. физ.* антизарраҳо (*навъи зарраҳои элементарӣ*)

анти́чность *ж* 1. атиқа (*маданият ва санъати антиқӣ*) 2. хушнамуд (зебо) будан(и)

анти́чн||ый, -ая, -ое 1. ...и атиқа, антиқӣ; **~ая литерату́ра** адабиёти атиқа; **~ая филосо́фия** фалсафаи атиқа; **~ый теа́тр** театри антиқӣ 2. (*о чертах лица и т. п.*) зебо, хуш; **~ый про́филь** тарҳи чеҳраи зебо

антоло́гия *ж лит.* антология, тазкира, баёз; **~ сове́тской поэ́зии** антологияи назми советӣ

анто́ним *м лингв.* антоним (*калимае, ки маънои вай акси маънои калимаи дигар мебошад, мас.:* «некӣ — бадӣ», «гарм — сард»)

анто́новка *ж* (*дерево*) дарахти себи антоновка; (*плод*) себи антоновка

анто́новск||ий: **~ие я́блоки** себҳои антоновка

антракно́з *м с.-х.* антракноз (*навъи касалии решаи растаниҳо*)

антрако́з *м мед.* антракоз (*касалие, ки сабаби он дар шуш ҷамъ шудани ҷанги ангишт мебошад*)

антра́кт *м* 1. (*перерыв*) антракт, танаффус 2. *муз.* антракт (*асари мусиқие, ки дар байни ду пардаи пьеса иҷро мешавад*)

антраци́т *м* антрацит (*беҳтарин ҷинси ангиштсанг*)

антраци́тов||ый, -ая, -ое антрацитӣ, ...и антрацит; **~ые за́лежи** кони антрацит

антраша́ *с нескл.* антраша (*дар рақси балет — ҷаҳида дар ҳаво ба ҳам задани пойҳо*) ◇ **выде́лывать (выки́дывать) ~** пойҳоро аҷибу ғариб ҳаракат додан

антреко́т *м* антрекот (1. *гӯшти биқин* 2. *порчаи бирьёни ҳамин хел гӯшт*)

антрепренёр *м театр.* антрепренёр (*соҳибкори театри хусусӣ*)

антрепри́за *ж* антреприза (*театр, цирк ва дигар навъ тамошогоҳҳои хусусӣ*)

антресо́л||и *мн.* (*ед.* **антресо́ль** *ж*) 1. *уст.* антресоль, болохона; **дом с ~ями** ҳавлии болохонадор 2. (*галерея, хоры*) шаҳнишин, болохонаи пешкушодаи зал 3. (*настил под потолком*) чортоқи чизмонӣ

антропо́лог *м* антрополог, мутахассиси антропология

антропологи́ческий, -ая, -ое антропологӣ, ...и антропология

антрополо́гия *ж* антропология (*илме, ки ташаккул ва инкишофи биологии инсонро таҳқиқ мекунад*)

антропометри́ческ||ий, -ая, -ое антропометрӣ, ...и антропометрия; **~ие да́нные** маълумоти антропометрӣ

антропоме́трия *ж* антропометрия (*яке аз усулҳои тадқиқи антропологӣ*)

антропоморфи́зм *м* антропоморфизм (1. *ист.* *ба чизҳои беҷон ҷисмҳои осмонӣ, ҳайвонҳо ва ғ. нисбат додани хислатҳои одами* 2. *рел.* *дар баъзе мазҳабҳо — худоро ба шакли одам тасаввур кардан*)

антропоморфи́ческий, -ая, -ое *ист., рел.* антропоморфӣ, ...и антропоморфизм

антропомо́рфн||ый, -ая, -ое антропоморфӣ, одамшакл; **~ые обезья́ны** маймунҳои одамшакл

антура́ж *м уст.* муҳит, маҷмӯи чизҳои атроф

а́нты *мн.* антҳо (*номи қабилаҳои славянҳои шарқии асрҳои 4—6, ки дар байни дарьёҳои Днестр ва Днепр зиндагӣ мекарданд*)

анфа́с *нареч.* анфас, рост (*намуди рӯи касе ё чизе аз пеш*); **сфотографи́роваться ~** рост акс гирондан

анфила́да *ж* анфилада (*қатори хонаҳои дарун ба дарун, ки дарҳояшон дар як хати рост сохта шудаанд*)

анча́р *м бот.* заққум, анчар (*навъи дарахти заҳрдор*)

анчо́ус *м* анчоус, хамса (*навъи моҳии майдаи баҳр*)

аншла́г *м* аншлаг (*эълон дар театр, кино ва ғ. оид ба фурухта шудани би-*

летҳо) ◇ **представле́ние прошло́ с ~ом** тамошо бо муваффақият гузашт

аню́тин, -а, -о: ~ы гла́зки *бот.* гули одамру, бунафшаи фарангӣ

ао́рист *м грам.* аорист *(шакли феъл дар баъзе забонҳо)*

ао́рта *ж анат.* аорта *(калонтарин раги хунгард, ки аз қисми чапи дил мебарояд)*

аорта́льный, -ая, -ое ...и аорта, аортагӣ

апарта́ме́нты *мн.* *(ед.* **апарта́ме́нт** *м)* манзилгоҳи бошукӯҳ; хона

апартеи́д *м* апартеид *(сиёсати зуран тақсим кардани мардуми як кишвар дар асоси дискриминацияи нажодӣ)*

апати́т *м* апатит *(минерале, ки барои тайёр кардани нуриҳои фосфати ба кор меравад)*

апати́тов||ый, -ая, -ое ...и апатит, апатитдор; **~ые месторожде́ния** кони апатит; **~ые ру́ды** маъдани апатитдор

апати́ческий, -ая, -ое *см.* **апати́чный**

апати́чность *ж* бепарвоӣ, беҳавсалагӣ, мурдадилӣ

апати́чный, -ая, -ое (апати́ч|ен, -на, -но) бепарво(ёна), беҳавсала, мурдадил; **~ взгляд** нигоҳи бепарвоёна; **~ челове́к** одами мурдадил

апа́ти||я *ж* бепарвоӣ, беҳавсалагӣ, рӯҳафтодагӣ, мурдадилӣ; **впасть в ~ю** бепарво (рӯҳафтода) шудан

апа́ш *м* апаш, авбош, безорӣ, дузд ◇ **руба́шка-~** куртаи апаш *(куртаи мардонаи гиребонвасеъ)*

апелли́ровать *сов., несов.* 1. *юр.* аризаи шикоят (норизоӣ) додан 2. *к кому-чему* муроҷиат (арз) кардан, мадад хостан; **~ к о́бщему собра́нию** ба маҷлиси умумӣ муроҷиат кардан

апелляцио́нн||ый, -ая, -ое *юр.* ...и аризаи шикоят, ...и аризаи норизоӣ; **~ый срок** мӯҳлати додани аризаи шикоят; **~ая жа́лоба** аризаи шикоят

апелля́ция *ж* 1. *юр.* шикоят, аризаи шикоят 2. муроҷиат, арз; **~ к обще́ственному мне́нию** муроҷиат ба афкори умум

апельси́н *м* *(дерево)* дарахти апельсин (афлесун, пуртахол); *(плод)* апельсин, афлесун, пӯртахол

апельси́нн||ый, апельси́нов||ый, -ая, -ое ...и апельсин, ...и афлесун, ...и пуртахол; **~ое де́рево** дарахти апельсин; **~ый сок** оби апельсин, афшураи афлесун

аплоди́ровать *несов. кому-чему* чапак (қарсак) задан, кафзанӣ (кафкубӣ) кардан; **~ арти́сту** ба [баромади] артист чапак задан

аплодисме́нт||ы *тк. мн.* чапакзанӣ, кафкубӣ, карсакзанӣ, кафзанӣ; **взрыв ~ов** гулдуроси чапакзанӣ, мавҷи кафкӯбиҳо; **бу́рные ~ы** чапакзании ғулғуланок

апло́мб *м* худбоварӣ, кибр, мағрурӣ; **говори́ть с ~ом** худбоварона гап задан

апоге́||й *м* 1. *астр.* апогей *(нуқтаи аз Замин дуртарини хатти ҳаракати Моҳ, радифи маснуӣ ё киштии кайҳонӣ)* 2. *перен.* авҷи аъло, арши аъло, авҷ *(баландтарин дараҷаи ягон ҳолат ё вазъият)*; **в ~е сла́вы** дар авҷи шуҳрат; **дости́чь ~я** ба арши аъло расидан

Апока́липсис *м рел.* Апокалипсис *(яке аз китобҳои қадимии дини насронӣ)*

апокрифи́ческ||ий, -ая, -ое ...и апокриф, апокрифӣ; **~ая литерату́ра** адабиёти апокрифӣ

апо́крифы *мн* *(ед.* **апо́криф** *м)* *ист., лит.* апокрифҳо *(асарҳои сюжеташон аз Таврот гирифташуда, ки онҳоро аҳли калисо инкор мекарданд)*

аполити́зм *м см.* **аполити́чность**

аполити́чность *ж* дурӣ аз сиёсат, аз сиёсат дур будан(и), бемаслакӣ

аполити́чный, -ая, -ое (аполити́ч|ен, -на, -но) аз сиёсат дур, бемаслак

апологе́т *м* апологет, ҳомӣ, маддоҳ, ситоишгар

апологе́тика *ж* 1. апологетика *(як шуъбаи фиқҳи насрониён, ки таълимоти дини исавиро ҳимоя мекунад)* 2. *перен.* ҳимоя (ситоиш) кардан(и), тарафдории ғаразнок; мадҳи аз ҳад зиёд

апологети́ческий, -ая, -ое 1. ...и апологет; ...и апологетика 2. *перен.* ...и ҳимоятгарӣ; ...и ситоиш

аполо́гия *ж книжн. см.* **апологе́тика** 2

апоплекси́ческий, -ая, -ое ...и апоплексия, ...и сактаи майна ◇ **~ уда́р** *см.* **апопле́ксия**

апопле́ксия *ж мед.* апоплексия, сактаи майна, фалаҷ *(кафидани раги хун дар мағзи сар)*

апо́рт I *м* 1. *(дерево)* дарахти себи апорт 2. *(плод)* апорт, себи апорт *(як хел себи калони хушранги нордон)*

апо́рт II *межд.* биёр, бидеҳ *(нидоест, ки бо он ба саг муроҷиат мекунанд)*

апостерио́ри *нареч.* 1. *филос.* апостериори *(ба асоси далелҳои мавҷуда, дар асоси таҷриба)* 2. *перен. книжн.* баъди санҷиш

апостериори||ый, -ая, -ое *филос.* ...и апостериор, апостериори, далелнок; **~ое заключе́ние** хулосаи далелнок

апо́стол *м* 1. *рел.* апостол, хаворӣ *(аз руи ривояти Инҷил — яке аз дувоздаҳ ёри Исо, ки таълимоти уро тарғиб мекардаанд)* 2. *перен. книжн.* тарғибгар, мубаллиғ, паҳнкунанда, пайрав

апо́стольский, -ая, -ое *рел.* ...и апостол, апостолӣ, ...и ҳаворӣ

апостро́ф *м* апостроф *(аломати вергулшакл ' дар имлои баъзе забонҳо)*

апофе́ма *ж мат.* апофема *(хати амудӣ, ки аз маркази бисьёркунҷаи баробарзлуъ ба яке аз тарафҳои он кашида мешавад)*

апофео́з *м* апофеоз (1. *ист. мисли худо парастидани касе* 2. *тавсифу ситоиши ягон воқеа* 3. *театр. намоиши пуртантанаи хотимавии баъзе тамошоҳои театрӣ)*

аппара́т *м* 1. аппарат, асбоб, олат, дастгоҳ; **фотографи́ческий ~** аппарати фотографӣ (аксгирӣ); **телефо́нный ~** аппарати телефон 2. *физиол.* аъзо, узвҳо; **слухово́й ~** узвҳои сомеа; **дыха́тельный ~** узвҳои нафаскашӣ 3. *(органы управления)* идора; **госуда́рственный ~** идораи давлатӣ 4. *собир.* кормандон ◇ **нау́чный ~** аппарати илмӣ *(материал ва китобҳое, ки муаллифи асари илмӣ истифода мебарад)*; **крити́ческий ~** аппарати интиқодӣ *(вариант ва шарҳу эзоҳ дар матни интиқодии адабӣ ё таърихӣ)*

аппара́тный, -ая, -ое 1. ...и аппарат, ...и асбоб, ...и олат, ...и дастгоҳ 2. *в знач. сущ.* **аппара́тная** *ж* аппаратхона

аппарату́ра *ж* аппаратура, аппаратҳо, маҷмуи аппаратҳо

аппара́тчик *м* аппаратчӣ, нозири аппарат *(касе, ки ба кори аппаратҳо назорат мекунад)*

аппе́ндикс *м* аппендикс *(анат. шохчаи кирмшакли курруда)*

аппендици́т *м мед.* аппендицит, варами кӯррӯда, варами аппендикс

апперце́пция *ж психол.* апперцепция *(вобастагии идрок ба тасаввурот ва таҷрибаи пештара)*

апперципи́ровать *сов., несов. что психол.* апперцепция кардан

аппети́т *м* 1. иштиҳо; **есть с ~ом** бо иштиҳо хурдан 2. *чаще мн.* **аппети́ты** *перен.* орзу ва ҳавас, тамаъ, ҳирс; **уме́рить чьй-л. ~ы** дасти тамаи касеро кутоҳ кардан ◇ **во́лчий ~** иштиҳо карнай барин; иштиҳои қозгир; **прия́тного ~а!** ош шавад!; **~ прихо́дит во вре́мя еды́** *посл.* иштиҳо — зери дандон

аппети́тно *нареч.* боиштиҳо, иштиҳоовар; **~ па́хнет** бӯяш иштиҳоовар аст

аппети́тный, -ая, -ое (аппети́т|ен, -на, -но) 1. иштиҳоовар, иштиҳокушо, бомаза, хушхур, лазиз; **~ кусо́к** луқмаи бомаза 2. *перен. разг.* дилкаш, ҳавасангез

аппликá́ция *ж* аппликация (1. *усули сохтани нусхаи гул ё ягон нақш аз пораҳои коғаз ё матои рангин дар руи чизе* 2. *нақш ё сурате, ки бо ҳамин роҳ тайёр шудааст)*

аппрети́рование *с см.* **аппрету́ра** 1

аппрети́ровать *сов., несов. что* аппретура кардан

аппрети́роваться *несов. страд.* аппретура карда шудан

аппрету́ра *ж тех.* 1. аппретура *(ороиши пардози матоъ, чарм ва ғ.)* 2. аппретура, моддаи (равғани) пардоз

аппрету́рный, -ая, -ое ...и аппретура

апре́ль *м* апрель, моҳи апрель

апре́льск||ий, -ая, -ое ...и апрель, ...и моҳи апрель, апрелӣ; **~ое у́тро** субҳи рузи апрель

априо́ри *нареч.* 1. *филос.* априори *(қатъи назар аз таҷриба, пеш аз таҷриба)* 2. *перен. книжн.* насанҷида, пешакӣ муқаррар (таҳқиқ) накарда; **суди́ть о чём-л. ~** чизеро насанҷида баҳо додан

априорн||ый, -ая, -ое *филос.* ...и априори, априори, дар таҷриба санҷиданашуда, берун аз таҷриба; **~ое утверждение** даъвои бедалел

апробация *ж* 1. *книжн.* апробация, тасдиқ, маъқул донистан, санҷида расман тасдиқ кардан(и); **~ учебных программ** тасдиқи программаҳои таълим 2. *с.-х.* апробация (*тафтишу таҳқиқи кишти зироат барои муқаррар намудани сифату ҳосилнокии он*); **полевая ~** апробацияи кишт

апробировать *сов.*, *несов. что* апробация кардан, тасвиб кардан, маъқул донистан

апробироваться *несов. страд.* апробация шудан, маъқул дониста шудан

апрош *м* 1. *уст. воен.* нақб, хандақ 2. *полигр.* апрош (*фосилаи байни ҳарфҳо ё калимаҳо дар матни чопӣ*)

апсида *ж архит.* тоқ, равоқ

аптек||а *ж* дорухона // (*набор лекарств*) доруҳо ◇ **как в ~е** тиллобаркаш

аптекарск||ий, -ая, -ое ...и дорухона, дорухонагӣ; **~ие товары** дорую даво, дорую дармон

аптекарша *ж уст. и прост.* 1. занаки дорусоз 2. зани соҳиби дорухона

аптекарь *м уст.* 1. (*фармацевт*) дорусоз 2. (*работник аптеки*) корманди дорухона, доруфурӯш 3. соҳиби дорухона

аптечка *ж* доруқуттӣ; **домашняя ~** доруқуттии хонагӣ

аптечный, -ая, -ое ...и дорухона, дорухонагӣ; **~ запах** бӯи дорухона

ар *м* ар (*андозаи сатҳи замин, ки ба сад метри мураббаъ ё ки садьяки гектар баробар аст*)

араб *м* араб

арабески *мн.* (*ед.* **арабеск** *м*, **арабеска** *ж*) 1. нақши ислимӣ 2. арабескҳо (*маҷмӯи асарҳои хурди адабӣ ва мусиқӣ*)

арабизм *м* арабизм (*тарзи ҷумлабандӣ ё калимаю ибораи арабӣ, ки ба забони дигар дохил шудааст*)

арабист *м* арабшинос

арабистика *ж* арабшиносӣ (*маҷмуи илмҳое, ки забон, адабиёт, маданият ва таърихи арабҳоро меомӯзанд*)

арабка *ж* арабзан, арабдухтар, зани (духтари) араб

арабск||ий, -ая, -ое арабӣ, ...и араб(ҳо); **~ий язык** забони арабӣ; **~ое искусство** санъати араб ◇ **~ая лошадь** аспи бидав (тозӣ); **~ие цифры** рақамҳои арабӣ

арабы *мн.* арабҳо, халкҳои араб

арак *м* арақ

аракчеевский, -ая, -ое *ист.* аракчеевӣ; **~ режим** режими аракчеевӣ, аракчеевчигӣ (*режими золимона*)

аракчеевщина *ж* 1. *ист.* аракчеевчигӣ (*тарзи идоракунии бераҳмонаи ҳарбиёна — аз номи Аракчеев, вазири императори рус Александри I*) 2. *перен.* худсарӣ, бедодгарӣ (*дар ҳаёти иҷтимоӣ*)

аранжировать *сов.*, *несов. что муз.* аранжировка кардан

аранжироваться *несов. страд.* аранжировка шудан

аранжировка *ж муз.* аранжировка (*мувофиқ кунондани асари мусиқии барои ягон дастаи муайяни созҳо навишташуда ба дастаи созҳои дигар*)

арап I *м уст.* занғӣ, ҳабашӣ

арап II *м прост.* каллоб, фиребгар; **брать (взять) на ~а кого-л.** бо фиребу найранг ба мақсад расидан; **заправлять ~а** дуруғ гуфтан (бофтан)

арапник *м* тозиёна, қамчин

арат *м* арат, деҳқон, чорводор (*дар Вилояти Автономии Тува ва дар Республикаи Халқии Муғулистон*)

аратск||ий, -ая, -ое ...и арат(ҳо), ...и деҳқон, деҳқонӣ; **~ое хозяйство** хоҷагии аратҳо

араукария *ж* араукария (*навъи дарахти ҳамешасабзи сузанбарг дар Америкаи Ҷанубӣ ва Австралия*)

арахис *м собир.* арахис, финдуқи заминӣ

арахисов||ый, -ая, -ое арахисӣ, ...и арахис, ...и финдуқи заминӣ; **~ая халва** ҳалвои арахис

арба *ж* ароба

арбакеш *м* аробакаш

арбалет *м ист.* камон, камонғулак (*яроқи қадимаи тир ва сангпарронӣ*)

арбитр *м* арбитр, ҳакам, довар

арбитраж *м* арбитраж (*аз тарафи ҳакамҳо ҳал карда шудани масъалаҳое, ки ба суд дахл надоранд*); **государственный ~** арбитражи давлатӣ; **международный ~** арбитражи байналхалқӣ

арбитражн||ый, -ая, -ое ...и арбитраж, арбитражӣ; ...и ҳакамҳо; **~ая комиссия** комиссияи арбитраж

арбуз *м* тарбуз

арбузн||ый, -ая, -ое ...и тарбуз; **~ые семена** тухми тарбуз

аргамак *м* арғумоқ (*як зоти аспҳои даванд*)

аргентинец *м* аргентинагӣ, аргентинӣ

аргентинка *ж* аргентинзан, аргентиндухтар, зани (духтари) аргентинагӣ

аргентинцы *мн.* аргентинагиҳо, аргентиниҳо, халқи Аргентина

арго *с нескл. лингв.* арго, лаҳҷа (*забони шартии аҳли ягон касбу ҳунар*); **воровское ~** аргои дуздон, забони [махфии] дуздон

аргон *м хим.* аргон (*элементи химиявӣ*)

аргонавты *мн.* (*ед.* **аргонавт** *м*) 1. *миф.* аргонавтҳо (*қаҳрамонони афсонавии Юнони Қадим, ки ба киштии «Арго» нишаста ба Колхида барои ёфтани гӯсфанди зарринпашм рафта буданд*) 2. *перен.* дарьёнавардон, сайёҳон (*касоне, ки барои сарватҷӯӣ ва моҷароҷӯӣ киштисавор ба мамлакатҳои номаълум мерафтанд*)

аргоновый, -ая, -ое аргонӣ, ...и аргон

арготизм *м лингв.* арготизм, калимаи арго (лаҳҷа), ибораи арго (лаҳҷа)

арготический, -ая, -ое *лингв.* ...и арго, ...и лаҳҷа, лаҳҷавӣ

аргумент *м* 1. далел, бурҳон, санад, асос; **убедительный ~** бурҳони қотеъ; **приводить ~ы** далел овардан 2. *мат.* аргумент (*бузургии тағйирёбандаи мустақил*)

аргументаци||я *ж* 1. (*по знач. гл.* **аргументировать**) далелбиёрӣ, бурҳоноварӣ, санад (ҳуҷҷат) нишон додан(и); **это положение нуждается в ~и** ин фикру мулоҳиза далел меҳоҳад 2. (*совокупность аргументов*) далелҳо, маҷмуи далелҳо; **слабая ~я** далелҳои суст

аргументирование *с см.* **аргументация** 1

аргументировать *сов.*, *несов. что* далел (бурҳон) овардан, асос (ҳуҷҷат) нишон додан, бо далелу бурҳон исбот кардан

аргус *м уст. книжн.* аргус, посбони ҳушьёр (зирак)

арен||а *ж* 1. саҳна; **~а цирка** саҳнаи цирк; **выходить на ~у** ба саҳна баромадан 2. *перен.* майдон, арса; **~а сражения** майдони ҷанг; **~а политической борьбы** арсаи муборизаи сиёсӣ

аренд||а *ж* 1. иҷора, киро; **долгосрочная ~а** иҷораи дарозмуддат; **сдать в ~у** ба иҷора додан, киро кардан; **взять в ~у** ба иҷора гирифтан 2. пули иҷора, иҷорапулӣ, киропулӣ

арендатор *м* иҷорагир, кирокунанда, иҷоранишин; (*плодового сада*) бархар

арендаторский, -ая, -ое ...и кирокунанда, ...и иҷоранишин; ...и бархар

арендн||ый, -ая, -ое ...и иҷора, ...и киро; **~ый договор** шартномаи иҷора; **~ая плата** иҷорапулӣ, киропулӣ

арендование *с* (*по знач. гл.* **арендовать**) иҷорагирӣ

арендовать *сов.*, *несов. что* иҷора кардан, ба иҷора (киро) гирифтан; (*плодовый сад*) бари боғро харидан

арендоваться *несов. страд.* иҷора карда шудан

ареометр *м физ.* ареометр (*асбоби санҷиши зичии моеъот*)

ареопаг *м* 1. *ист.* ареопаг (*маҳкамаи олии Афинаи Қадим*) 2. *перен. ирон.* маҳкамаи олӣ, маҷлис (*ҷамъомади шахсони обрӯманд барои ҳалли ягон масъала*)

арест *м* 1. ҳабс; **домашний ~** ҳабси хонагӣ; **брать под ~, подвергать ~у** ба ҳабс гирифтан, ҳабс кардан; **находиться под ~ом** дар ҳабс будан (нишастан) 2. *юр.* арест, манъи бозор (*манъи истифода аз чизҳое, ки тахти ҳукми суд афтодааст*); **налагать ~ на имущество** ба молу мулк арест андохтан

арестант *м уст.* маҳбус, бандӣ, зиндонӣ

арестантка *женск. к* **арестант**

арестантск||ий, -ая, -ое *уст.* 1. ...и маҳбус, ...и бандӣ, ...и зиндонӣ; **~ие роты** ротаҳои маҳбусон (*як тариқи ҷазои солдатҳо пеш аз революция*) 2. *в знач. сущ.* **арестантская** *ж* ҳабсхонаи муваққатӣ

арестованн||ый, -ая, -ое 1. *прич. и прил.* маҳбус, ҳабсшуда 2. *в знач. сущ.* **арестованный** *м*, **арестованная** *ж* маҳбус, бандӣ, зиндонӣ

арестовать *сов., несов.* 1. *кого-что* ҳабс кардан, ба ҳабс гирифтан 2. *что юр.* арест андохтан, манъи бозор кардан; ~ **имущество** ба молу мулк арест андохтан

арестовывать *несов. см.* **арестовать**

арестовываться *несов. страд.* ҳабс шудан; арест андохта шудан

ариаднин, -а, -о: ~**а нить** *книжн.* мушкилкушо, роҳнамо *(дар асотири Юнони Қадим — Ариадна духтарест, ки ба Тесей калоба дода, барои баромадан аз лабиринти шоҳ Минос кӯмак расондааст)*

ариец *м* орӣ, ориёӣ, ориёнӣ; *см.* **арийцы**

арийка *ж* зани (духтари) ориёӣ; *см.* **арийцы**

арийский, -ая, -ое ориёӣ, ...и ориён, ...и ориҳо

арийцы *мн. лингв., этн., ист.* ориён, ориҳо

ариозо *с нескл. муз.* ариозо, арияи хурд

аристократ *м.* аристократ, асилзода, ашроф, аъён

аристократизм *м* аристократизм, асилзодагӣ, ашрофӣ

аристократическ||ий, -ая, -ое 1. аристократи, ...и аристократия, ...и асилзодагон, ...и ашрофу аъён; ~**ое общество** ҷамъияти аристократи 2. *(изысканный)* аристократи, ашрофона, наҷибона, ...и ашрофу аъён; ~**ие манеры** кирдору рафтори ашрофона

аристократичность *ж* аристократи будан(и), наҷибона будан(и), наҷобат

аристократичный, -ая, -ое (аристократич|ен, -на, -но) *см.* **аристократический** 2

аристократия *ж* 1. *ист.* аристократия *(тарзи давлатдории ҳокимияти асилзодагон)* 2. *собир.* аристократия, асилзодагон, аъёну ашроф *(дар ҷамъияти синфӣ — табақаи олии синфи давлатмандон)* ◇ **финансовая** ~ аристократияи молиявӣ; **рабочая** ~ аристократияи коргарӣ *(дар мамлакатҳои капиталистӣ — қисми коргарони баландихтисос, ки бештар музд мегиранд ва дар зери таъсири идеологияи буржуазӣ мебошанд)*

аристократка *женск. к* **аристократ**

аритмичность *ж* аритмӣ будан(и), номунтазам (номураттаб) будан(и)

аритмичный, -ая, -ое (аритмич|ен, -на, -но) аритмӣ, номунтазам, номураттаб

аритмия *ж мед.* аритмия, номунтазам (номураттаб) шудани тапиши дил

арифметика *ж* арифметика *(илми ҳисоб — як қисмати математика)*

арифметическ||ий, -ая, -ое арифметикӣ, ...и ҳисоб; ~**ая задача** масъалаи арифметикӣ; **четыре** ~**их действия** чор амал

арифмограф *м* арифмограф *(мошини ҳисоби автоматӣ)*

арифмометр *м* арифмометр, мошини ҳисоб

ария *ж* ария *(дар опера, оратория ва ғ.— суруде, ки як кас бо оркестр мехонад)*

арка *ж архит.* равоқ, тоқ, пештоқ; ~ **моста** равоқи пул; **триумфальная** ~ тоқи нусрат

аркада *ж архит.* қаторравоқ, силсилатоқ

аркан *м* каманд ◇ **тащить на** ~**е** зӯран овардан (бурдан)

арканить *несов. кого-что* бо каманд доштан, каманд андохта доштан

Арктика *ж* Арктика *(минтақаи Қутби Шимоли кураи замин)*

арктическ||ий, -ая, -ое арктикӣ, ...и Арктика, ...и Қутби Шимол; ~**ие льды** яхҳои Қутби Шимол; ~**ая радиостанция** радиостанцияи Арктика; ~**ая экспедиция** экспедицияи арктикӣ

арлекин *м* масхарабоз, ширинкор

армада *ж* армада *(иттиҳоди бузурги киштиҳо, самолётҳо ва танкҳо, ки якҷоя амал мекунанд)*

арматура *ж* арматура (1. *маҷмуи таҷҳизот барои гузарондани электр* 2. *асбобу анҷоми ягон аппарат ё мошин)*

арматурн||ый, -ая, -ое ...и арматура, арматурабоб; ~**ые материалы** масолеҳи арматура

арматурщик *м* арматурчӣ, арматурасоз

армеец *м* 1. аскар, хизматчии ҳарбӣ 2. *ист. разг.* аскари ғайригвардия *(дар Россияи тореволюционӣ)*

армейск||ий, -ая, -ое ...и армия, аскари; ~**ий корпус** корпуси армия; ~**ие привычки** одатҳои аскари

армия *ж* 1. армия, қушун; **Советская** ~ Армияи советӣ; **действующая** ~ армияи амалкунанда; **Первая конная** ~ Армияи якуми савора 2. *перен.* армия; ~ **работников науки** армияи кормандони илм

армяк *м* чакман, қабо

армяне *мн.* арманиҳо, халқи Арманистон

армянин *м* арманӣ

армянка *ж* арманизан, арманидухтар, зани (духтари) арманӣ

армянский, -ая, -ое арманӣ, ...и арманиҳо, ...и Арманистон; ~ **язык** забони арманӣ

аромат *м* накҳат, атр, хушбуӣ, буи хуш; **тонкий** ~ буи латиф

ароматическ||ий, -ая, -ое хушбуй, муаттар; ~**ие вещества** атриёт, моддаҳои хушбуй

ароматичный, -ая, -ое (ароматич|ен, -на, -но) *см.* **ароматный**

ароматный, -ая, -ое (аромат|ен, -на, -но) хушбуй, муаттар; ~ **цветок** гули хушбуй

арочный, -ая, -ое ...и равоқ, ...и тоқ, ...и пештоқ, равоқдор; ~ **мост** пули (кӯпруки) равоқдор

арсенал *м* 1. *воен.* арсенал, аслиҳахона, қурхона *(анбори яроқу таҷҳизоти ҳарбӣ)*; **морской** ~ арсенали баҳрӣ 2. *уст.* зарродхона *(ҷои сохтан ва нигоҳ доштани аслиҳа)* 3. *перен.* як туда, як дунъё, бисёр; **он привлёк целый** ~ **пособий** вай як дунъё китобҳои дарсиро истифода кард

арсенальный, -ая, -ое арсеналӣ, ...и арсенал, ...и аслиҳахона, ...и қурхона

арт: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «...и артиллерия», «...и туп»:* **артподготовка** тӯппарронии пешакӣ; **артдивизион** дивизиони артиллерия

артачит||ься *несов.* 1. *(о животных)* бадкашӣ кардан; **лошадь** ~**ся** асп чуфтак мезанад 2. *разг. (о человеке)* саркашӣ кардан, гардан тофтан

артезианский, -ая, -ое: ~ **колодец** чоҳи артезиан

артель *ж* 1. артель; **сельскохозяйственная** ~ артели хоҷагии қишлоқ; **промысловая** ~ артели ҳунармандон 2. *прост.* даста, гурӯҳ, туда; **ходить целой** ~**ю** туда шуда гаштан

артельн||ый, -ая, -ое 1. ...и артель, артелӣ; ~**ый устав** низомномаи артель 2. *прост. (общий)* умумӣ, муштарак; **на** ~**ых началах** ҳарифона, шарикона

артельщик *м уст.* 1. *(член артели)* аъзои артель 2. *(староста артели)* саркор

артериальн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и артерия, ...и раги шараён; ~**ая кровь** хуни артерия

артериосклероз *м мед.* артериосклероз *(бемории давомдори деворaи рагҳои хун)*

артери||я *ж* 1. *анат.* артерия, сурхраг, раги шараён; **лёгочная** ~**я** артерияи шуш 2. *перен.* роҳ; **водные** ~**и страны** роҳҳои обии мамлакат

артикль *м грам.* артикль *(ҳиссачае, ки дар баъзе забонҳо барои нишон додани ҷинси грамматикӣ, муайянӣ ва номуайянии исм кор фармуда мешавад)*

артикул *м* 1. *уст. книжн. (статья, параграф)* модда, банд *(қисм ё боби алоҳидаи қонун, фармон ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ)* 2. *(тип изделия)* артикул, навъи (хели) мол

артикулировать *несов. лингв.* талаффуз кардан

артикуляционн||ый, -ая, -ое *лингв.* ...и артикуляция, ...и талаффуз; ~**ая база** базаи артикуляция *(вазъият ва ҳаракати узвҳои нотиқа дар вақти овозбарорӣ)*

артикуляция *ж лингв.* артикуляция, тарзи талаффуз, тарзи адо

артиллерийск||ий, -ая, -ое ...и артиллерия, ...и туп; ~**ий огонь** оташи артиллерия; ~**ий полк** полки артиллерия; ~**ие снаряды** тири туп; ~**ая подготовка** туппарронии пешакӣ, туппаронии пеш аз ҳуҷум

артиллерист *м* артиллерист, тӯпчӣ

артиллерия *ж* 1. *(род войск)* артиллерия, қушуни артиллерия 2. *собир. (огнестрельные орудия)* артиллерия, тупҳо; **береговая** ~ артиллерияи соҳилӣ; **крепостная** ~ артиллерияи истеҳкомӣ; **дальнобойная** ~ артилле-

рияи дурзан; **зени́тная ~** артиллерияи зенит; **противота́нковая ~** артиллерияи танкзан; **тяжёлая ~** 1) артиллерияи вазнин, тупҳои калон 2) *перен. шутл.* одами (одамони) дамбал 3) *перен.* чизи пураҳамият (асоснок) 3. *(наука)* артиллерия *(илме, ки аз туп, сохт ва кор фармудани он баҳс мекунад)*

арти́ст *м* 1. артист; **наро́дный ~** артисти халқӣ; **заслу́женный ~** артисти хизматнишондода 2. *перен. разг.* усто, ҳунарманд, моҳир, мумтоз; **он ~ своего́ де́ла** у дар кори худ ҳунарманд аст

артисти́зм *м* ҳунари баланд, маҳорати артистӣ, нафосат

артисти́чески *нареч.* моҳирона, артистона, устокорона

артисти́ческ||ий, -ая, -ое 1. артистӣ, ...и артист; **~ая нату́ра** соҳибҳунар, мумтоз 2. *перен.* моҳирона, ҳунармандона, артистона, устокорона; **~ая рабо́та** кори ҳунармандона 3. *в знач. сущ.* **артисти́ческая** *ж* артистхона *(хонаи даруни театр, ки дар паси саҳна воқеъ аст)*

артисти́чность *ж* моҳирона будан(и) истеъдоди артистӣ

артисти́чный, -ая, -ое (артисти́ч|ен, -на, -но) моҳирона, бомаҳорат, бонафосат

арти́стка *ж* артистка

артишо́к *м* анганор *(навъи растании хӯрданӣ ва меваи он)*

артри́т *м мед.* артрит, илтихоби банд, варамипай

ару́з *м лит.* аруз *(қоидаҳои вазни шеър)*

а́рфа *ж* арфа, уд

арфи́ст *м* арфанавоз, уднавоз

арфи́стка *женск. к* **арфи́ст**

архаи́зм *м* архаизм (1. *лингв. калима ё ибораи аз истеъмол баромада* 2. *перен. урфу одати кӯҳнашуда*)

арха́ика *ж* архаика *(осори қадима ва хусусиятҳои хоси даври қадим)*

архаисти́ческий, -ая, -ое архаистӣ, ...и архаизм

архаи́ческий, -ая, -ое 1. *(древний)* қадим, қадимӣ 2. *(устаревший)* кӯҳнашуда, аз истеъмол баромада, ғайри мустаъмал

архаи́чность *ж* қадим будан(и); кӯҳна будан(и)

архаи́чный, -ая, -ое (архаи́ч|ен, -на, -но) *см.* **архаи́ческий**

архалу́к *м уст.* архалук, камзӯлча *(нимтанаи миёнаш чиндор)*

арха́нгел *м рел.* малоикаи (малаки) муқарраб; **~ Гаврии́л** Ҷабраил

арха́р *м* ғурм, гусфанди кӯҳӣ

арха́ровец *м прост.* 1. *уст.* хуфия, ҷосус 2. авбош, безорӣ, шӯрапушт

архе́й *м* архей; *см.* **архе́йский** (**архе́йская э́ра**)

архе́йск||ий, -ая, -ое: **~ая э́ра** *геол.* давраи архей *(қадимтарин давраи таърихи геологии Замин)*

археогра́ф *м* археограф, мутахассиси археография

археогра́фия *ж* археография *(як шуъбаи илми таърих, ки бо шарҳ ва нашри осори хаттии қадима машғул аст)*

архео́лог *м* археолог, мутахассиси археология, бостоншинос

археологи́ческ||ий, -ая, -ое археологи, ...и археология, ...и бостоншиносӣ; **~ая нахо́дка** бозьёфти бостоншиносӣ

археоло́гия *ж* археология, бостоншиносӣ *(илме, ки тарзи зиндагонӣ ва маданияти халқҳои қадимро аз рӯи осори маданияти моддӣ меомӯзад)*

архи- *приставка (префиксе, ки дараҷаи олии хислатеро мефаҳмонад)*: **архиплу́т** қаллоби гузаро, каззоби рафта истодагӣ

архи́в *м* архив (1. *идораи ёдгориҳои хаттӣ ва ҳуҷҷатҳои кӯҳна* // *канц. шуъбаи идора, ки дар он ҳуҷҷатҳои истифодашуда нигоҳ дошта мешаванд* 2. *маҷмӯи мактубҳо, дастнависҳо ва дигар навиштаҷоти ягон идора ё шахс*) ◇ **сдать в ~** 1) *кого* аз кор дур кардан 2) *кого-что* ба боди фаромушӣ додан

архива́риус *м* архивариус, мудири архив; корманди (мутасаддии) архив

архиви́ст *м* архивчӣ, мутахассиси корхои архив

архи́вн||ый, -ая, -ое ...и архив; **~ый фонд** фонди архив; **~ые материа́лы** материалҳои архив

архиепи́скоп *м* архиепископ, епископи калон, усқуфи аъзам *(яке аз мансабҳои олии руҳониёни насронӣ)*

архиере́й *м* архиерей *(номи умумии мансабдорони олии рӯҳониёни насронӣ)*

архимандри́т *м* архимандрит *(унвони олии роҳибон; пири дайри масеҳӣ)*

архипела́г *м* галаҷазира, архипелаг; **Мала́йский ~** галаҷазираи Малайя

архитекто́ника *ж архит., иск.* архитектоника, таносуб

архитектони́ческий, -ая, -ое *архит., иск.* архитектонӣ, ...и архитектоника, ...и таносуб

архите́ктор *м* меъмор

архите́кторский, -ая, -ое ...и меъмор, ...и меъморӣ

архитекту́ра *ж* 1. *(зодчество)* меъморӣ, санъати бинокорӣ 2. *(стиль)* сабки меъморӣ, услуби иморат

архитекту́рн||ый, -ая, -ое меъморӣ; **~ые па́мятники** осори меъморӣ

арча́ *ж бот.* арча

арши́н *м уст.* оршин, олчин, газ (1. *андозаи дарозӣ, ки ба 71 см баробар аст* 2. *ҷадвали андозаи дарозии мазкур*) ◇ **ви́деть на три (на два) ~а под землёй (под зе́млю, в зе́млю)** дар таги бурьё ҷунбидани морро фаҳмидан; бисьёр зирак (хушьёр) будан; **как (бу́дто, сло́вно, то́чно) ~ проглоти́л** хода хурдагӣ барин; **мерить на свой ~** бо гази худ чен кардан; бо паймонаи худ андоза кардан

ары́к *м* ҷӯй

ары́чн||ый, -ая, -ое ...и ҷӯй; **~ая вода́** оби ҷӯй

арьерга́рд *м воен.* арьергард *(қушуни аз паси қувваҳои асосӣ ҳаракаткунанда)*

арьерга́рдный, -ая, -ое *воен.* арьергардӣ, ...и арьергард; **~ бой** ҷанги арьергардӣ

ас *м* ас, лочин *(лётчики қиркунанда, ки дар парвоз ва ҷанг моҳир аст)*

асбе́ст *м мин.* асбест, сангпахта

асбе́стов||ый, -ая, -ое асбестӣ, ...и асбест, ...и сангпахта; **~ый заво́д** заводи асбест; **~ые тру́бы** қубурҳои асбестӣ

асбоцеме́нт *м* асбоцемент *(навъи масолеҳи сохтмон)*

асбоцеме́нтн||ый, -ая, -ое ...и асбоцемент, асбоцементи; **~ые тру́бы** қубурҳои асбоцемент

асе́птика *ж мед.* асептика *(тамиз кардани асбобҳои ҷарроҳӣ)*

асепти́ческ||ий, -ая, -ое *мед.* асептики, ...и асептика; **~ая повя́зка** бандинаи асептики

асе́ссор *м уст.* асессор *(вазифаи амалдори суд дар Рими Қадим, Европаи асрҳои миёна ва баъзе давлатҳои буржуазӣ)* ◇ **колле́жский ~** асессори коллегия *(дар Россияи пешазреволюционӣ — мансаби граждании дараҷаи ҳаштум)*

асимметри́ческий, -ая, -ое асимметрӣ, ...и асимметрия, нобаробар, номутаносиб, номуназзам

асимметри́чно *нареч.* ба таври асимметрӣ, нобаробар, номутаносиб, номуназзам

асимметри́чность *ж* асимметрӣ будан(и), нобаробарӣ, номутаносибӣ, номуназзамӣ; **~ лица́** номутаносибии чеҳра, таносуби вайрони чеҳра

асимметри́чный, -ая, -ое (асимметри́ч|ен, -на, -но) *см.* **асимметри́ческий**

асимметри́я *ж* асимметрия, нобаробарӣ, номутаносибӣ, номуназзамӣ

аскари́ды *мн.* (*ед.* **аскари́да** *ж*) *зоол.* аскарида, кичча *(гуруҳи кирми рудаи одам ва ҳайвоноти ширхор)*

аске́р *м* аскар, аскари турк

аске́т *м* 1. *рел.* зоҳид, парҳезгор 2. *перен.* гушанишин, одамгурез

аскети́зм *м* 1. *рел.* зуҳд, парҳезгорӣ 2. *перен.* гушанишинӣ, одамгурезӣ, тарки дуньё

аскети́ческ||ий, -ая, -ое 1. *рел.* ...и зуҳд, ...и зоҳидӣ 2. *перен.* зоҳидона, ...и узлатнишин; **вести́ ~ую жизнь** зоҳидона зистан, узлатнишинӣ кардан

аспе́кт *м* аспект, нуқтаи назар, ҷиҳат, ҷанба

а́спид I *м* 1. *зоол.* аспид *(навъи мори заҳрноки қитъаҳои гарм)* 2. *прост. бран.* заҳри мор, мори газанда, мормизоҷ

а́спид II *м мин.* аспид *(ҷинси кӯҳии сиёҳранг, ки барои бомпушӣ ва сохтани тахтачаҳои хатнависӣ кор фармуда мешавад)*

а́спидн||ый, -ая, -ое аспидӣ, ...и аспид; **~ая доска́** тахтаи сиёҳи хатнависӣ

аспира́нт *м* аспирант

аспира́нтка *женск. к* **аспира́нт**

аспира́нтск||ий, -ая, -ое аспиранти, ...и аспирант(ҳо); ~**ие заня́тия** машғулияти аспирантҳо

аспиранту́р||а *ж* 1. аспирантура; **учёба в** ~**е** таҳсили аспирантура 2. *собир.* аспирантҳо

аспира́тор *м* аспиратор (1. *тех. асбоби даркашидани ҳаво, газ ва ғ. бо мақсади таҷзияи таркиби химиявии онҳо* 2. *мед. асбоби кашида баровардани фасод)*

аспира́ты *мн.* (*ед.* **аспира́та** *ж*) *лингв.* аспиратҳо (*овозҳои ҳамсадо, ки дар вақти талаффузи онҳо ҳаво ба садопардаҳои ба ҳам наздикшуда соиш мехурад)*

аспирация *ж* аспирация (1. *тех. системаи даркашидани ҳаво, газ ва ғ. бо мақсади таҷзияи таркиби химиявии онҳо* 2. *мед. кашида баровардани фасод аз бадан* 3. *мед. дар вақти нафаскашӣ ба роҳҳои нафас даромадани чизҳои бегона* 4. *лингв. садое, ки аз соиши ҳаво ба садопардаҳои ба ҳам наздикшуда ҳосил мешавад)*

ассамбле́я *ж* 1. *ист.* базму тараб (*дар замони ҳукмронии Пётри I*) 2. ассамблея, маҷлиси умумӣ ◇ **Генера́льная Ассамбле́я Организа́ции Объединённых На́ций** Ассамблеяи Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид

ассениза́тор *м* ассенизатор, нурикаш

ассенизацио́нный, -ая, -ое ...и ассенизация, ...и нурикашӣ, нурикаш; ~ **обо́з** наклиёти нурикаш

ассенизация *ж* ассенизация, нурикашӣ

ассенизи́ровать *сов., несов. что* ассенизация кардан, тоза кардан

ассигна́ция *ж ист.* ассигнация, пули коғазӣ

ассигнова́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **ассигнова́ть**) пулдиҳӣ, пулҷудокунӣ 2. (*денежная сумма*) маблағи ҷудошуда

ассигнова́ть *сов., несов. что* пул додан, пул ҷудо кардан

ассигнова́ться *несов. страд.* пул дода шудан, пул ҷудо карда шудан

ассигно́вк||а *ж фин.* ассигновка, ҳуҷҷати пулгирӣ, барот; **получать по** ~**е** мувофиқи барот пул гирифтан; **вы́писать** ~**у** ассигновка (барот) навиштан

ассигно́вывать(ся) *несов. см.* **ассигнова́ть(ся)**

ассимили́ровать *сов., несов.* 1. *кого-что* (*уподобить*) ассимиляция кардан, ба худ монанд кардан, ҳамҷинс кардан 2. *что биол.* (*усвоить*) аз худ (ҳазм) кардан

ассимили́роваться 1. *сов., несов.* (*уподобиться*) ассимиляция шудан, монанд шудан 2. *несов. страд.* ассимиляция шудан, аз худ карда шудан, ҳазм шудан

ассимиля́торн||ый, -ая, -ое *биол.* ...и азхудкунӣ, ...и ҳазмкунӣ; ~**ая спосо́бность клёток** қобилияти ҳазми ҳуҷайраҳо

ассимиля́торск||ий, -ая, -ое ...и ассимиляциякунонӣ; ~**ая поли́тика** сиёсати ассимиляциякунонӣ

ассимиля́торство *с* ассимиляциякунонӣ (*забону маданияти худро ба миллатҳои мазлум зуран ҷорӣ кардани миллати ҳукмрон)*

ассимиля́ция *ж* 1. (*по знач. гл.* **ассимили́ровать** 1) ассимиляция кардан(и), ба худ монанд кардан(и); (*по знач. гл.* **ассимили́роваться** 1) ассимиляция, монандшавӣ; ~ **зву́ков** ассимиляцияи овозҳо, идғом 2. *биол.* азхудкунӣ, ҳазм

асси́реп *м* осурӣ; *см.* **асси́рийцы**

асси́рийка *ж* осуризан, осуридухтар, зани (духтари) осурӣ; *см.* **асси́рийцы**

асси́рийский, -ая, -ое осурӣ, ...и осуриҳо; ~ **язы́к** забони осурӣ

асси́рийцы *мн.* осуриҳо (*номи халқе, ки дар Эрон, Туркия, Ироқ, Сурия ва Иттифоқи Советӣ зиндагӣ мекунад)*

асси́ряне *мн.* ошуриҳо (*аҳолие, ки дар яке аз қадимтарин давлатҳои Шарқи Наздик зиндагӣ мекард)*

ассисте́нт *м* ассистент (1. *ёрирасони профессор ё духтур* 2. *вазифаи хурди муаллимӣ дар мактабҳои олӣ ва соҳиби он вазифа)*

ассисте́нтск||ий, -ая, -ое ...и ассистент, ассистентӣ; ~**ая до́лжность** вазифаи ассистентӣ

ассисти́ровать *несов. кому и без доп.* ассистентӣ кардан, ёрӣ додан

ассона́нс *м лит.* ассонанс (*қофияи нопуррае, ки аз овозҳои садонок иборат аст)*

ассорти́ *с нескл.* ассорти, хел; **шокола́дное** ~ ассортии (хелҳои) шоколад

ассортиме́нт *м* ассортимент, хелҳои (навъҳои) мол; **бога́тый** ~ **тка́ней** навъҳои гуногуни матоъ

ассоциати́вность *ж психол.* ассоциациянок будан(и); ~ **мышле́ния** ассоциациянокии тафаккур

ассоциати́вный, -ая, -ое *психол.* ...и ассоциация

ассоциа́ци||я *ж* 1. ассоциация, иттиҳод, ҷамъият; ширкат; **нау́чная** ~**я** ҷамъияти илмӣ 2. *психол.* ассоциация (*робитаи байни тасаввуроти алоҳида, ки яке дигареро ба вуҷуд меоварад)*; ~**я по схо́дству** ассоциацияи шабоҳат; **по** ~**и** аз руи ассоциация

ассоции́ровать *сов., несов. кого-что и без доп. психол.* ассоциация кардан, фикран монанд (наздик) кардан

ассоции́роваться 1. *сов., несов.* (*объединиться*) муттаҳид (иттифоқ) шудан 2. *сов., несов. психол.* ассоциация шудан, дар асоси ассоциация ба вуҷуд омадан 3. *несов. страд.* ассоциация карда шудан, фикран монанд шудан

асте́ник *м мед.* астеник, гирифтори астения

астени́ческ||ий, -ая, -ое *мед.* астеникӣ, ...и астения, ...и лакотӣ, ...и бемадорӣ; ~**ое состоя́ние** ҳолати бемадорӣ

астени́я *ж мед.* астения, лакотӣ, бемадорӣ, заъфи аъзои бадан

астеро́иды *мн.* (*ед.* **астеро́ид** *м*) *астр.* астероидҳо (*ҷирмҳои хурде, ки дар гирди Офтоб, асосан дар байни Мадори Миррих ва Муштарӣ мегарданд)*

астигмати́зм *м опт.* астигматизм (*нуқсони чашм ва шишаҳои оптикӣ)*

астигмати́ческий, -ая, -ое *опт.* астигмати, ...и астигматизм

а́стма *ж мед.* астма, зиққи нафас; **бронхиа́льная** ~ астмаи бронх

астма́тик *м разг.* гирифтори астма, бемори зиққи нафас

астмати́ческ||ий, -ая, -ое *мед.* ...и астма, ...и зиққи нафас; ~**ое дыха́ние** нафаскашии одами зиққи нафас

а́стра *ж* гули қашқарӣ, гули мино

астробота́ника *ж* астроботаника (*илме, ки набототи сайёраҳоро меомӯзад)*

астро́лог *м ист.* астролог, мунаҷҷим, ситорашинос

астроло́гия *ж ист.* астрология, нуҷум (*фолбинӣ аз руи вазъи ситораҳо)*

астроля́бия *ж уст.* устурлоб

астроме́трия *ж* астрометрия (*сохаи астрономия, ки мавқеи ҷисмҳои осмонӣ ва масофаи байни онҳоро муайян мекунад)*

астрона́вт *м* астронавт, кайҳоннавард

астрона́втика *ж* астронавтика, кайҳоннавардӣ

астроно́м *м* астроном, мунаҷҷим, ситорашинос

астрономи́ческ||ий, -ая, -ое астрономӣ, ...и астрономия, ...и илми ҳайат; ~**ие наблюде́ния** мушоҳидоти астрономӣ; ~**ие прибо́ры** асбобҳои ситорашиносӣ ◇ ~**ие чи́сла (ци́фры)** рақамҳои азим

астроно́мия *ж* астрономия, илми ҳайат, ситорашиносӣ

астрофи́зика *ж* астрофизика (*соҳаи астрономия, ки хусусиятҳои физики ва химикии ҷисмҳои осмонӣ ва муҳити онҳоро меомузад)*

астрофизи́ческий, -ая, -ое ...и астрофизика

асфа́льт *м* асфальт

асфальти́рование *с* (*по знач. гл.* **асфальти́ровать**) асфальтпуш кардан(и); ~ **у́лиц** асфальтпуш кардани кӯчаҳо

асфальти́ровать *сов., несов. что* асфальтпуш кардан; ~ **шоссе́** шоссеро асфальтпуш кардан

асфальти́роваться *несов. страд.* асфальтпуш карда шудан

асфальтобето́н *м* асфальтбетон (*омехтаи қиру шағал ва рег барои фарши роҳ, сохтани дорғот ва ғ.)*

асфа́льтов||ый, -ая, -ое асфальти, ...и асфальт; асфальтфарш, асфальтпуш; ~**ый заво́д** заводи асфальт; ~**ая мостова́я** кучаи асфальтфарш

ась *межд. прост.* лаббай, чӣ, чӣ гуфтед

атави́зм *м биол.* атавизм (*дар авлод зоҳир шудани нишона ва хусусиятҳои аҷдодӣ)*

атависти́ческий, -ая, -ое атавистӣ, ...и атавизм

ата́к||а *ж* 1. *воен.* ҳуҷум, ҳамла; **возду́шная** ~**а** ҳуҷуми ҳавоӣ; **идти́**

в ~у ҳамла кардан; **бро́ситься в ~у** ҳуҷум овардан; **отрази́ть ~у** ҳамларо зада гардондан 2. *перен. разг.* ҳамла, дарафтодан(и), часпочаспӣ, мунокиша *(мас. дар вақти баҳсу мунозира)*

атакова́ть *сов., несов. кого-что* ҳуҷум кардан, ҳамла овардан

атакова́ться *несов. страд.* дучори ҳуҷум (ҳамла) шудан

атама́н *м* сардор, саркарда, атаман; **войсково́й ~** *ист.* сардори лашкар; **стани́чный ~** *ист.* атамани станица; **~ ша́йки** саркардаи дуздон (роҳзанон)

атама́нить *несов. уст. разг.* сардори (саркардагӣ, атамани) кардан, сардор (атаман) будан

атама́нский, -ая, -ое ...и сардор, ...и саркарда, ...и атаман

атама́нство *с (должность, звание атамана)* сардори, атаманӣ

атама́нша *ж разг.* занаки сардор, атаманзан

атеи́зм *м* атеизм, бединӣ, даҳригӣ; **нау́чный ~** атеизми илмӣ

атеи́ст *м* атеист, бедин, даҳрӣ

атеисти́ческий, -ая, -ое атеистӣ, ...и атеизм, ...и бединӣ, даҳриёна

ателье́ *с нескл.* ателье, коргоҳ; **~ мод** ательеи мудҳо; **~ худо́жника** коргоҳи рассом

атеросклеро́з *м мед.* атеросклероз *(дарди артерияҳо)*

атла́нт *м* 1. (А *прописное*) *миф.* Атлант *(азимҷуссае, ки гӯё гунбази фалакро бардошта меистодааст)* 2. *мн.* **атла́нты** *архит.* атлантҳо *(сутунҳои ба шакли гавдаи баҳодурон тарошида, ки саққфро бардошта меистанд)* 3. *анат.* атлант *(сари сутунмуҳра)*

а́тлас *м* атлас *(маҷмуаи харитаҳои ҷуғрофӣ, маҷмуаи суратҳо ва ғ.)*; **~ ми́ра** атласи ҷаҳон; **ботани́ческий ~** атласи ботаникӣ (наботот)

атла́с *м* атлас *(матои абрешимӣ)*

атла́сн||ый, -ая, -ое ...и атлас; **~ое пла́тье** куртаи атлас

атле́т *м* 1. варзишгар 2. *(силач)* паҳлавон

атле́тика *ж* атлетика, варзиш; **лёгкая ~** атлетикаи сабук; **тяжёлая ~** атлетикаи вазнин

атлети́ческ||ий, -ая, -ое 1. атлетики, ...и атлетика, ...и варзиш; **~ие упражне́ния** машқҳои атлетики 2. ...и паҳлавон; **челове́к ~ого сложе́ния** одами паҳлавонҷусса

атмосфе́р||а *ж* 1. *метео* атмосфера, ҳаво 2. *перен.* муҳит, шароит; **дру́жественная ~а** муҳити дустон 3. *физ., тех.* атмосфера *(воҳиди қиёсии фишор)* ◇ **накали́ть ~у** вазъиятро тезу тунд (шиддатнок) кардан

атмосфе́рн||ый, -ая, -ое атмосферӣ, ...и атмосфера, ...и ҳаво; **~ое давле́ние** фишори ҳаво; **~ые оса́дки** боришоти атмосферӣ

ато́лл *м геогр.* атолл *(ҷазираи ҳалқашакли марҷонӣ)*

а́том *м* атом *(зарраи хурдтарини элементи химиявӣ)*; **ядро́ ~а** ядрои (мағзи) атом; **расщепле́ние ~а** таҷзияи атом; **ме́ченые ~ы** нишонаатомҳо, атомҳои нишонадор

атоми́зм *м филос.* атомизм; *см.* **атоми́стика**

атоми́стика *ж филос.* атомистика *(таълимоти материалистӣ дар бораи сохти материя ва хусусиятҳои он)*

атомисти́ческ||ий, -ая, -ое атомистӣ, ...и атомистика; **~ая тео́рия** назарияи атомистӣ

а́томник *м разг.* атомшинос

а́томн||ый, -ая, -ое атомӣ, ...и атом; **~ый вес** вазни атомӣ; **~ое ядро́** ядрои (мағзи) атом; **~ые соедине́ния** *хим.* пайвастаҳои атомӣ; **~ая эне́ргия** қувваи атом; **~ая электроста́нция** станцияи электрикии атомӣ; **~ая бо́мба** бомбаи атомӣ; **~ое ору́жие** яроқи атомӣ

атомохо́д *м* киштии атомӣ

а́томщик *м* 1. *см.* **а́томник**; 2. хоҳони истифодаи яроқи атомӣ

атони́ческий, -ая, -ое *мед.* атонӣ, ...и атония, заиф

атони́я *ж мед.* атония, заъф, заифӣ; **~ кишо́к** заъфи руда

атрибу́т *м* 1. *филос.* махсусият, хусусият; **движе́ние — ~ мате́рии** ҳаракат хусусияти материя аст 2. *перен.* хислат, хосият 3. *грам.* муайянкунанда

атрибути́вность *ж грам.* муайянкунандагӣ, муайянкунанда будан(и)

атрибути́вн||ый, -ая, -ое *грам.* муайянкунанда; **~ая связь** алоқаи муайянкунанда

атрофи́рованн||ый, -ая, -ое (атрофирован, -а, -о) *биол., мед.* маълул; **~ая мы́шца** мушаки маълул

атрофи́роваться *сов., несов.* 1. *биол., мед.* маълул шудан 2. *перен.* суст шудан, аз кор мондан

атрофи́я *ж* 1. *биол., мед.* атрофия, маълул *(беҳис шудан ва аз кор баромадани ягон узви бадан)*; **~ мышц** маълули мушакҳо 2. *перен.* сустӣ, маълул шудан(и), суст шудан(и), аз кор мондан(и); **~ во́ли** суст шудани ирода

атташе́ *м нескл.* атташе *(ходими ихтисосманди сафоратхона)*; **вое́нный ~** атташеи ҳарбӣ; **торго́вый ~** атташеи тиҷорат

аттеста́т *м* аттестат, шаҳодатнома; **~ о сре́днем образова́нии** шаҳодатномаи маълумоти миёна ◇ **~ зре́лости** номаи камол *(то соли 1964)*

аттестацио́нн||ый, -ая, -ое аттестатсионӣ, ...и аттестация, тавсиякунанда; **~ое свиде́тельство** шаҳодатнома; **~ая коми́ссия** комиссияи аттестация

аттеста́ция *ж* 1. *(по знач. гл.* **аттестова́ть**) тавсия кардан(и); баҳо додан(и), аттестация, аз аттестация гузарондан(и); **~ сотру́дников** аттестацияи кормандон 2. *(характеристика)* шаҳодатнома, тавсиянома

аттестова́ть *сов., несов. кого-что* 1. *(дать характеристику)* тавсия кардан, баҳо додан 2. *(присвоить звание)* аттестация кардан, аз аттестация гузарондан; унвон додан

аттракцио́н *м* 1. *театр.* аттракцион *(саҳначаи ҷолиби диққати барномаи цирк ё эстрада)* 2. *мн.* **аттракцио́ны** аттракционҳо *(воситаҳои вақтхушӣ, монанди чархи фалак, арғунчак, тирпарронӣ ва ғ.)*

ату́ *межд. охот.* дор, гир *(нидо ба сагҳои шикорӣ)*

ау́ *межд.* ҳой, ҳӯй, оҳой, ҳа, ҳо

аудие́нци||я *ж* қабул, қабули расмӣ, пазирой *(аз тарафи шахси олимартаба)*; **получи́ть ~ю** қабул шудан; **дать ~ю** қабул кардан, пазируфтан

аудито́рия *ж* 1. аудитория, дарсхона 2. *собир.* шунавандагон, сомеон, ҳозирон

ау́канье *с (по знач. гл.* **ау́кать**) ҳой-ҳойгӯӣ, ҳуй-ҳуйгуӣ, ҳа-ҳагӯӣ, ҳо-ҳогӯӣ; *(звуки)* ҳой-ҳой, ҳа-ҳа, ҳо-ҳо, ҳуй-ҳуй

ау́кать *несов.* ҳой (ҳа, ҳӯй, ҳо) гуфтан, овоз додан *(дар ҷангал)*

ау́каться *несов.* ба якдигар ҳой (ҳа, ҳуй, ҳо) гуфтан, овоз додан *(дар ҷангал)*

ау́кнуть *сов. однокр. к* **ау́кать**

ау́кн||уться *сов. однокр. к* **ау́каться** ✧ **как ~ется, так и откли́кнется** *посл.* ≈ ҷав корӣ, ҷав мебардорӣ, гандум корӣ — гандум

аукцио́н *м* аукцион, савдои «кӣ зиёд?», музояда; **продава́ть с ~а** ба тариқи «кӣ зиёд?» фурухтан

аукциони́ст *м* аукционист, мудири музояда

аукцио́нн||ый, -ая, -ое аукционӣ, ...и аукцион, ...и савдои «кӣ зиёд?», ...и музояда; **~ая прода́жа веще́й** ба тариқи «кӣ зиёд?» фурухтани чизҳо

ау́л *м* авул

ау́льный, -ая, -ое ...и авул; **~ сове́т** совети (шурои) авул

а́ут *м спорт.* аут *(аз майдони бозӣ берун рафтани тӯп, шайба ва м. он)*

аутенти́ческий, -ая, -ое *см.* **аутенти́чный**

аутенти́чность *ж книжн.* дурустӣ, саҳеҳӣ; **~ те́кста** саҳеҳии матн

аутенти́чный, -ая, -ое (аутентич|ен, -на, -но) *книжн.* дуруст, саҳеҳ, асл; **~ текст** матни саҳеҳ

аутодафе́ *с нескл. ист.* аутодафе *(дар асрҳои миёна — бо ҳукми инквизиция дар пеши мардум сузондани аҳли бидъат ва китобҳои онҳо)*

аутса́йдер *м спорт.* аутсайдер *(варзишгаре ё командае, ки яке аз ҷойҳои охиринро ишғол карда аст)*

афга́нец *м* афғон

афга́нка *ж* афғонзан, афғондухтар, зани (духтари) афғон

афга́нский, -ая, -ое афғонӣ, ...и афғонҳо, ...и Афғонистон; **~ ковёр** қолини афғонӣ

афга́нцы *мн.* афғонҳо, халқи Афғонистон

афе́ра *ж* фиребгарӣ, қаллобӣ

афери́ст *м* фиребгар, қаллоб,

афери́стка *женск. к* **афери́ст**

афи́ша *ж* эълонномa

афиши́ровать *сов., несов. что* намоиш додан; таъриф кардан

афишироваться *несов. страд.* намоиш дода шудан; таъриф карда шудан
афори́зм *м* афоризм, ҳикмат, сухани ҳикматнок, панд
афористи́ческий, -ая, -ое афоризмӣ, ҳикматнок, пурҳикмат, пандомез
афористи́чность *ж* ҳикматнок будан(и)
афористи́чный, -ая, -ое (афористи́ч|ен, -на, -но) *см.* **афористи́ческий**
африка́неры *мн.* (*ед.* **африка́нер** *м*) *см.* **бу́ры**
африка́нец *м* африкоӣ
африка́нка *ж* африкоизан, африкоидухтар, зани (духтари) африкоӣ
африка́нск||ий, -ая, -ое африкоӣ, ...и африкоиён, ...и Африко; **~ие пусты́ни** биёбонҳои Африко ◇ **~ая жара́** гармои тоқатфарсо; **~ий темпера́мент** феъли тез, тундмизоҷӣ
африка́нцы *мн.* африкоиҳо, африкоиён, аҳолии Африко
афро́нт *м уст.* мулзамшавӣ, изодиҳӣ; нокомӣ
аффе́кт *м* ҷунун, девонагӣ, бехудӣ; **сде́лать что́-л. в состоя́нии ~а** бехудона коре кардан
аффекта́ци||я *ж* 1. (*возбуждение*) оташинӣ, хашму ғазаб, бехудӣ; **говори́ть без ~и** оромона гап задан 2. (*неестественность*) ҳаяҷони сохта, ҳаракати ғайритабиӣ
аффекти́вный, -ая, -ое пурҳаяҷон, пуризтироб
аффекти́рованный, -ая, -ое сохта, ғайритабиӣ
а́ффикс *м лингв.* аффикс (*он қисми калима, ки маънои мустақил надорад, лекин ба решаи калима ҳамроҳ шуда маънои онро дигар карда метавонад*)
аффикса́льный, -ая, ое *лингв.* аффиксӣ, аффиксдор
аффрика́та *ж лингв.* аффриката (*овози пайвасте, ки ба махраҷҳои алоҳида ҷудо нашудааст, мас.* ч, ҷ, ц)
ах *межд.* 1. (*при удивлении, восхищении*) оҳ, воҳ, эҳ, ӯҳ, бай-бай, ҳай-ҳай; **ах, как краси́во!** оҳ, чӣ қадар зебост! 2. (*при испуге*) вай, вой 3. (*при осуждении*) ҳа, а, у; **ах ты, моше́нник!** у, фиребгар-е! 4. в *знач. сущ.* **а́хи** *мн. разг.* оҳу воҳ; **начали́сь тут а́хи да о́хи** ин вақт оҳу воҳ сар шуд ◇ **ах да́!** а!, э!, ҳа!; **ах да́! кни́гу-то я забы́л!** э! китобро фаромӯш кардаам!; **увы́ и ах** *шутл.* сад дареғ, ҳайф, афсӯс
а́ханье *с* (*по знач. гл.* **а́хать**) оҳгуӣ, эҳгӯӣ, оҳу воҳ кардан(и); (*звуки*) оҳу воҳ
а́хать *несов.* 1. (*при удивлении, восхищении*) оҳ (воҳ, эҳ, бай-бай, ҳай-ҳай) гуфтан 2. (*при испуге*) вай (вой) гуфтан
а́хи *мн. см.* **ах** 4
ахилле́сов, -а, -о: **~а пята́** ҷои қалб, ҷои нозук (*киноя аз қаҳрамони асотири юнониён Ахиллес, ки фақат аз пошнаи пояш тир мегузашт*)
ахине́||я *ж разг.* гапи беҳуда (бемаънӣ), ҳарза, сафсата, ёва; **нести́ ~ю** ёва (ҳарза) гуфтан
а́хнуть *сов. однокр.* 1. *однокр. к* **а́хать; он и ~ не успе́л** вай воҳ гуфта ҳам натавонист 2. якбора тарақҷос кардан, якбора гулдуррос задан 3. *кого-что прост.* задан, кӯфтан
а́хов||ый, -ая, -ое *прост.* 1. (*плохой*) бад, ганда; **дела́ его́ ~ые** кораш бад 2. (*озорной*) шурапушт, ҷангара
ахромати́зм *м физ.* ахроматизм, берангӣ, шаффофӣ (*хосияти шишаҳои оптики, ки дар вақти шикастани шуоъ рангҳои таркибии вай ҷудо намешаванд*)
ахромати́ческ||ий, -ая, -ое ахроматикӣ, беранг, шаффоф; **~ие стёкла** шишаҳои шаффоф
ахти́ *межд. уст. см.* ах 1—3 ◇ **не ~ как** чандон хуб не; **не ~ како́й** он қадар хуб не
ацета́тный, -ая, -ое ...и ацетат, ацетатӣ; **~ шёлк** шоҳии ацетат
ацетиле́н *м хим.* ацетилен (*гази беранги заҳрдору бадбӯи сӯхтанӣ*)
ацетиле́нов||ый, -ая, -ое ацетиленӣ, ...и ацетилен; **~ое освеще́ние** чароғҳои ацетиленӣ
ацето́н *м хим.* ацетон (*моеъи беранг, ки дар истеҳсоли лок, моддаҳои тарканда ва ғ. кор фармуда мешавад*)
ацето́новый, -ая, -ое ацетонӣ, ...и ацетон
ацидофили́н *м* ацидофилин (*навъи ҷурғот*)
аце́ки *мн.* ацтекҳо (*ҳиндуёни Мексика*)
ашу́г *м* ошуғ (*ҳофизи халқии мардуми Қавказ*)
аэра́рий *м* аэрарий (*майдончаи ҳавохурӣ*)
аэра́ция *ж* аэрация (*тоза кардани ҳаво*); **~ по́чвы** аэрацияи хок; **~ зда́ний** аэрацияи бинохо
аэро-: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҳавоӣ», «авиационӣ»:* **аэропо́чта** почтаи ҳавоӣ, аэропочта
аэро́бн||ый, -ая, -ое *биол.* аэробӣ, ...и аэробҳо; **~ые бакте́рии** бактерияҳои аэробӣ
аэро́бы *мн.* (*ед.* **аэро́б** *м*) *биол.* аэробҳо (*организмҳое, ки фақат дар ҳавои кислороддор зиста ва инкишоф ёфта метавонанд*)
аэровокза́л *м* аэровокзал, вокзали аэропорт
аэродина́мика *ж* аэродинамика (*илм дар бораи муқовимати ҳаво ва газҳо ҳангоми ҳаракати ҷисм*)
аэродинами́ческ||ий, -ая, -ое аэродинамикӣ, ...и аэродинамика; **~ие ка́чества самолёта** сифатҳои аэродинамикии самолёт
аэродро́м *м* аэродром, фурудгоҳ (*майдони парвоз ва нишасти самолёт*)
аэродромн||ый, -ая, -ое ...и аэродром, аэродромӣ. ...и фурудгоҳ; **~ая пло́щадка** майдони аэродром
аэрозо́ль *м* аэрозоль (*газе, ки дар муҳити он зарраҳои сахт ва моеъ муаллақ меистанд*)
аэроли́т *м уст.* аэролит; *см.* **метеори́т**
аэрологи́ческ||ий, -ая, -ое аэрологӣ, ...и аэрология; **~ая ста́нция** станцияи аэрология; **~ие наблюде́ния** мушоҳидаҳои аэрологӣ
аэроло́гия *ж* аэрология (*илме, ки ҷиҳатҳои физики, химиявӣ ва хусусиятҳои дигари табақаҳои болои атмосфераи Заминро меомузад*)
аэро́метр *м* аэрометр (*асбоби санҷиши вазну ғафсии ҳаво ва газҳои дигар*)
аэрометри́ческий, -ая, -ое аэрометрӣ ...и аэрометр
аэронавига́ция *ж* аэронавигация (*илми идораи аппаратҳои парвоз*)
аэрона́вт *м ав.* аэронавт, ҳавонавард
аэрона́втика *ж ав.* аэронавтика, ҳавонавардӣ
аэропла́н *м* аэроплан
аэропо́рт *м* аэропорт
аэропо́чта *ж* почтаи ҳавоӣ, аэропочта
аэроса́ни *мн.* аэрочана (*чанаи худгард*)
аэросе́в *м* кишти ҳавоӣ, кишт кардан аз самолёт
аэроста́т *м* аэростат
аэроста́тика *ж* аэростатика (*илм дар хусуси қонунҳои мувозинаи газҳо*)
аэросъёмка, **аэрофотосъёмка** *ж* аэросуратгирӣ, аэрофотосуратгирӣ (*аз болои самолёт гирифтани сурати рӯи замин*)

Б

б *частица см.* **бы**
ба *межд. разг.* э, эҳе, оҳо; **ба! кого́ я ви́жу!** эҳе! шумо-ку!; **ба! кто́ э́то?** оҳо! ин кист?; **ба! а я и не знал!** э! ман надониста будаам!
ба́ба I *ж* 1. *уст.* деҳқонзан 2. *прост. и обл.* (*жена*) зан, занак 3. *прост.* (*женщина*) занак, занака, аврат 4. *перен. разг.* (*о мужчине*) марди зантабиат (занмизоҷ), ҳезалак 5. *разг. см.* **ба́бушка** 1 ◇ **бой-~** занаки бало; **база́рная ~** *груб. прост.* занаки ҷангара, ҷанҷолӣ, шаттоҳ; **каменная ~** бути сангин; **сне́жная ~** одами барфин; **~ с во́зу — кобы́ле ле́гче** *посл.* ≈ дард кам, дарди сар кам
ба́ба II *ж тех.* шибба, куба
ба́ба III *ж кул.* кулча (*навъи нони равғанини қандин*); **ро́мовая ~** кулчаи шарбатин
баба́х *межд. звукоподр.* қасар-қусур, гум-гум, гумбур-гумбур, гулдур-гулдур (*овози туппарронӣ, таркиш*)
бабахать *несов. см.* **баба́хнуть**
баба́хну||ть *сов. однокр. разг.* 1. қасар-қусур кардан, гулдуррос (гумбуррос) задан, тарақ-турук кардан; **~л вы́стрел** қасар-қусур овози тир баромад 2. *кого-что и без доп.* (*сильно ударить*) сахт задан, кашидаву кушода задан
баба́хнуться *сов. однокр. разг.* гумбуррос зада афтодан; тарақҷос карда ба чизе бархӯрдан

бабашка *ж полигр.* бабашка (*металлпораи чоркунҷа, ки дар ҳуруфчинӣ барои пур кардани ҷойҳои холӣ кор фармуда мешавад*)

баба-яга *ж фольк.* ялмоғузкампир, ҷалочинкампир

баббит *м* баббит (*хулаи қалъагӣ бо мису сурма*)

баббитный, -ая, -ое *см.* **баббитовый**

баббитов||ый, -ая, -ое ...и баббит, баббитӣ; ~**ое производство** истеҳсоли баббит; ~**ые подшипники** подшипникҳои баббитӣ

бабёнка *ж прост.* занак, ҷавонзан, ҷавонзани шух

баб||ий, -ья, -ье *прост.* ...и деҳқонзан; ...и занҳо, занона; ~**ьи сплетни** ғайбат, миш-миш, овоза ◊ ~**ье лето** гармои тирамоҳ; ~**ьи сказки** сафсата, ҳарза, гапи хушку холӣ

бабин, -а, -о ...и модаркалон, ...и онакалон, ...и бибӣ

бабища *ж прост. пренебр.* занаки кулангӣ

бабка I *ж* 1. (*бабушка*) модаркалон, онакалон, бибӣ 2. *прост.* (*старуха*) кампир ◊ **повивальная** ~ момодоя

бабка II *ж* 1. (*сустав*) шитолинг, буҷҷули (буҷулаки) по 2. (*игральная кость*) буҷул

бабка III *ж тех.* қаппак (*қисми дастгоҳи харротӣ*)

бабкин, -а, -о 1. (*бабушкин*) ...и модаркалон, ...и онакалон, ...и бибӣ 2. *прост.* (*старухин*) ...и кампир

бабник *м прост.* занбоз, занакабоз

бабничать *несов. прост.* занбозӣ (занакабозӣ) кардан

бабочка I *ж* 1. *зоол.* шапалак, шабпара; **ночная** ~ парвона 2. *перен.* (*галстук*) бабочка (*галстуки шапалакмонанд*)

бабочка II *ж прост.* (*о молодой женщине*) занакча

бабувизм *м* бабувизм (*яке аз ҷараёнҳои коммунизми утопиявӣ дар асри* 18)

бабуся *ж разг. ласк. к* **бабушка** онаҷон, бибиҷон

бабушка *ж* 1. модаркалон, онакалон, бибӣ 2. *обращ.* бибиҷон ◊ ~ **надвое сказала** хобатро ба об гуй

бабушкин, -а, -о ...и модаркалон, ...и онакалон, ...и бибӣ ◊ ~**ы сказки** сафсата, ҳарза, гапи хушку холӣ

багаж *м* 1. бағоҷ, бор; **камера хранения ручного** ~**а** камераи нигоҳдории бори дастӣ // *ж.-д.* бағоҷ; **сдать вещи в** ~ чизҳоро бағоҷ кардан; **отправить** ~**ом** бағоҷ карда фиристодан 2. *перен.* савияи дониш, маълумот, дараҷаи маълумот; **умственный** ~ захираи дониш

багажник *м* бағоҷмонак, бормонак (*ҷои бормонии велосипед, мотоцикл, автомобиль*)

багажн||ый, -ая, -ое ...и бағоҷ, ...и бор; ~**ый вагон** вагони бағоҷ; ~**ые ремни** тасмаи борбандӣ

багет *м* багет (*зеҳчуби рангин ва ё кандакорӣ барои чорчубаи суратҳо ё ороиши девор*)

багетн||ый, багетов||ый, -ая, -ое багетӣ, ...и багет; ~**ая рама** чорчубаи багетӣ

багор *м* чангак, ходаи чангакдор, соскан; **пожарный** ~ чангаки сухторнишонӣ; **зацепить лодку багром** бо чангак заврақро кашидан

багорщик *м* чангакчӣ, сосканчӣ

багрильщик *м* сосканчӣ (*моҳигире, ки бо соскан моҳӣ мегирад*)

багрить *несов. что* бо соскан моҳӣ гирифтан; бо ходаи чангакдор [чизеро аз об] баровардан

багроветь *несов.* сурх (суп-сурх, арғувонӣ) шудан

багровище *с* дастаи чангак

багров||ый, -ая, -ое сурхи баланд, суп-сурх, арғувонӣ, кирмизӣ; ~**ый закат** шафақи арғувонии шом; **лицо его стало** ~**ым** руи у суп-сурх шуд

багрянеть *несов.* 1. (*становиться багряным*) суп-сурх (арғувонӣ) шудан 2. (*виднеться — о багряном*) сурх тофтан, арғувонӣ намудан

багрянец *м* ранги сурх, ранги арғувонӣ (қирмизӣ)

багряник *м бот.* шулаш

багрянистый, -ая, -ое сурхтоб, кирмизитоб

багрянить *несов. что* сурх арғувонӣ, (қирмизӣ) кардан

багряница *ж ист.* қабои арғувонӣ (*дар замони қадим либоси аъёну ашроф*)

багряный, -ая, -ое *см.* **багровый**

багульник *м бот.* багульник (*буттаи заҳрноки ҳамешасабз*)

бадан *м бот.* муғулчой

бадейка *ж уменьш. к* **бадья**

бадминтон *м* бадминтон

бадминтонист *м* бадминтонбоз

бадья *ж* чалак

баз *м обл.* оғил, молхона

база *ж* 1. *архит.* пойсутуи, пойдевор, таҳкурсӣ, тагкурсӣ 2. асос, поя, буньёд; **экономическая** ~ асоси иқтисодӣ; **на базе повышения производительности труда** дар асоси зиёд кардани ҳосилнокии меҳнат 3. манбаъ; **сырьевая** ~ манбаи ашьёи хом; **кормовая** ~ манбаи ему хошок 4. база; **авиационная** ~ базаи авиация 5. база, муассиса, пойгоҳ; **экскурсионная** ~ базаи (муассисаи) экскурсия; **туристская** ~ базаи (пойгоҳи) туристи 6. база, анбор; **получить товар с базы** аз база мол гирифтан 7. *перен.* маълумот, асоси дониш; **у него хорошая филологическая** ~ у маълумоти хуби филологи дорад

базальт *м* базальт, рухом (*як хел санги вулкании сиёҳ*)

базальтов||ый, -ая, -ое базальти, ...и базальт, рухомӣ, ...и рухом; ~**ые залежи** кони базальт

базар *м* 1. бозор; **колхозный** ~ бозори колхозӣ; **книжный** ~ бозори китоб; **новогодний** ~ бозори солинавӣ 2. *перен. разг.* мағал, моҷаро, ғалоғула; **в доме был настоящий** ~ хона пури мағал буд ◊ **птичий** ~ бозори паррандаҳо (*ҷои ғуншавии паррандагон*)

базарн||ый, -ая, -ое бозорӣ, ...и бозор; ~**ый день** рӯзи бозор; ~**ая площадь** бозорҷой ◊ ~**ая баба** *груб. прост.* занаки ҷангара, ҷанҷолӣ, шаттоҳ

базедов, -а, -о; ~**а болезнь** бемории Базедов (*бемориест, ки дар натиҷаи нодуруст кор кардани ғадуди гулу пайдо мешавад*)

базилик *м бот.* нозбуй, райҳон

базилика *ж архит.* базилика (*иморати асрҳои миёна ва антиқӣ*)

базирование *с* (*по знач. гл.* **базироваться** 2) ҷойгиршавӣ, ҷойгирӣ, воқеъ шудан(и); ҷои ист, мавқеъ

базировать *несов. что на чём* асосдор кардан, асоснок гардонидан, дар заминаи чизе ташкил кардан; ~ **промышленность на местном сырье** саноатро дар заминаи моли хоми маҳаллӣ ташкил кардан

базирова||ться *несов.* 1. *на чём* асос ёфтан, дар асоси чизе қарор гирифтан, асос овардан, такья кардан; ~**ться на фактах** дар асоси фактҳо гап задан 2. ҷойгир шудан, ҷой (макон) гирифтан, воқеъ шудан; **здесь** ~**лась воинская часть** дар ин ҷо қисми ҳарбӣ ҷой гирифта буд

базировка *ж см.* **базирование**

базис *м* 1. *архит.* пойсутун, пойдевор, таҳкурсӣ; ~ **колонны** пойсутун 2. асос, поя, буньёд; **подвести** ~ **под что-л.** чизеро мустаҳкам (асоснок, собит) кардан 3. *эк.* базис (*маҷмуи муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ*)

базисный, -ая, -ое 1. *эк.* базисӣ, ...и базис 2. ...и база

базов||ый, -ая, -ое ...и база; ~**ое имущество** молҳои база

баиньки *дет.* алла кардан, хобидан (*дар мавриди гуфтугӯ бо кудак*); **хочешь** ~? алла мекунӣ?

бай *м* бой

бай-бай 1. *межд.* алла-аллаё, алла (*дар мавриди хобондани кудак*) 2. *см.* **баиньки**; **пора** ~ вақти алла шуд

байбак *м* 1. *зоол.* суғур, юрмон 2. *перен. разг.* лаванд, ландаҳур

байдак *м* байдак (*қаиқчаи шикорӣ*)

байдара *ж* байдара (*қаики шикории тезгард*)

байдарка *ж* 1. *уменьш. к* **байдара**; 2. *спорт.* байдарка (*завракчаи варзиш*)

байдарочн||ый, -ая, -ое ...и байдарка; ~**ая гребля** байдаркарони

байк||а I *ж* байка (*як хел матои мулоими патдори пашмӣ ё ресмонӣ*); **производство** ~**и** истеҳсоли байка, байкабофӣ

байк||а II *ж обл.* афсона, қисса; **рассказывать** ~**и** афсона гуфтан

байков||ый, -ая, -ое ...и байка; ~**ое одеяло** курпаи байка, кампал

байрам *м* байрам, ид

байронизм *м* байронизм (*ҷараёни адабии аввали асри* 19, *ки дар зери таъсири эҷодиёти шоири англис Байрон пайдо шуда буд*)

байроническ||ий, -ая, -ое байронӣ; ~**ая поэзия** назми байронӣ

ба́йск||ий, -ая, -ое ...и бой, бой, феодалӣ; **~ие пережи́тки** урфу одатҳои феодалӣ

ба́йховый, -ая, -ое: **~ чай** чои сиёҳи байхӣ

бак I *м* бак, чалак; **жестяно́й ~** баки тунука

бак II *м мор.* бак *(қисми пеши саҳни болои киштӣ)*

бакала́вр *м* бакалавр *(дараҷаи поёни илмӣ дар университетҳои қадима ва Англияи ҳозира; дар Франсияи ҳозира — шахсе, ки мактаби миёнаро тамом кардааст)*

бакале́йн||ый, -ая, -ое ...и баққол, баққолӣ; **~ые това́ры** молҳои баққолӣ

бакале́йщик *м* баққол

бакалея *ж.* 1. *собир.* баққолӣ, молҳои баққолӣ 2. *(магазин)* баққолӣ, дӯкони баққолӣ

ба́кан *м см.* **ба́кен** I

бакели́т *м* бакелит *(қатрони синтетикӣ)*

бакели́товый, -ая, -ое бакелитӣ, ...и бакелит

ба́кен I *м* бакен *(роҳнамои лангардор барои нишон додани ҷойҳои пастоб ва хатарноки дарьё, кул ва ғ.)*

ба́кен II *м см.* **бакены**

бакенба́рды *мн.* (*ед.* **бакенбарда** *ж*) бакенбард, риши бари рӯй

ба́кенщик *м* бакенчӣ *(шахсе, ки бакенҳоро нигаҳбонӣ мекунад)*

ба́кены *мн.* (*ед.* **бакен** *м*) *уст. см.* **бакенба́рды**

ба́ки *мн.* ришчаи бари ру

баккара *с нескл.* баккара *(навъи аъло ва қиматбаҳои булур)*

баклага *ж* обдон, зарфи об, митҳара, кумкума

баклажа́н *м* бодинҷон

баклажа́нн||ый, -ая, -ое ...и бодинҷон; **~ая икра́** қимаи бодинҷон

бакла́жка *ж уменьш. к* **баклага**

бакла́н *м зоол.* баклан, моҳихурак

баклу́ши: **бить ~** бекорхуҷагӣ кардан, бекорхуҷа шуда гаштан

баклу́шничать *несов. разг. см.* **баклу́ши (бить баклу́ши)**

бактериа́льн||ый, -ая, -ое ...и бактерия, бактериядор; **~ая кле́тка** хуҷайраи бактерия; **~ая инфе́кция** инфексияи (сирояти) бактерия; **~ые удобре́ния** нуриҳои бактериядор

бактериеми́я *ж мед.* бактериемия *(ба хун даромадани микробҳо)*

бактеризова́ть *несов. что* бактериядор (бактерияолуд) кардан

бактеризоваться *несов.* 1. бактериядор (бактерияолуд) шудан 2. *страд.* бактериядор (бактерияолуд) карда шудан

бактери́йн||ый, -ая, -ое ...и бактерия, бактериядор, бактерияолуд; **~ые препараты** препаратҳои бактериядор

бактерио́з *м с.-х.* бактериоз *(бемории растаниҳо, ки аз бактерияҳо пайдо мешавад)*

бактерио́лог *м* бактериолог, бактерияшинос

бактериологи́ческ||ий, -ая, -ое бактериологи, ...и бактериология; **~ая лаборато́рия** лабораторияи бактериологи

бактериоло́гия *ж* бактериология, бактерияшиносӣ

бактериофаг *м мед.* бактериофаг, бактерияхур

бактерици́дность *ж мед.* қобилияти бактериякушӣ

бактерици́дный, -ая, -ое *мед.* бактериякуш, бактериякушанда, ...и бактериякушӣ; **~ пла́стырь** бандинаи бактериякуш

бакте́рия *ж* бактерия *(организми бисьёр хурди якҳуҷайра)*

бактриа́н *м зоол.* уштури дукуҳона

бакши́ш *м уст. разг.* пора, ришват; бахшиш, ҳадья

бакште́йн *м* бакштейн *(як хел панир)*

бакшто́в *м мор.* бакштов *(нуги танобе, ки бо он қаиқҳои руи об фуровардашударо ба киштӣ мебанданд)*

бал *м* бал, базм, шаби ракс; **ново-го́дний ~** бали солинавӣ; **костюми-ро́ванный ~** базми никоб; **~-маска-ра́д** бал-маскарад; **задать ~** бал ташкил кардан ◇ **ко́нчен ~!** кор тамом!, вассалом!

балаба́н *м муз.* балабон

балабо́лить *несов. прост.* сафсата (ҳарза, ёва) гуфтан, лаққидан, манаҳ задан

балабо́лка *ж разг.* 1. пупак, овеза 2. *м, ж перен.* лаққӣ, сафсатагӯй, ҳарзагӯй, ёвагуй

балага́н *м* 1. *уст. и обл.* каппон 2. *уст. (театр)* балаган *(тамошохонаи муваққатии тахтагӣ дар бозор ва сайргоҳҳо)* 3. *(зрелище)* тамошои балаганӣ, балаган *(тамошои оддии саҳнавӣ дар сайргоҳҳо)* 4. *перен. разг.* қилиқҳои хунук, масхарабозӣ, мулоимхунукӣ

балага́нить *несов. разг.* қилиқҳои хунук (мулоимхунукӣ) кардан, масхарабозӣ кардан

балага́нн||ый, -ая, -ое 1. *уст.* балаганӣ, ...и балаган 2. *перен. разг.* масхарабозона, дағал(она); **~ые шу́тки** қилиқҳои хунук, масхарабозӣ

балаганщина *ж разг.* қилиқҳои хунук, масхарабозӣ, мулоимхунукӣ

балагу́р *м разг.* ширинкор, аскиягуй, аскиябоз

балагу́рить *несов. разг.* ширинкорӣ кардан, аския гуфтан

балагу́рство *с разг.* ширинкорӣ, ҳазлбозӣ

бала́кать *несов. обл.* чақ-чақ кардан, лаққидан, гап фурухтан

балала́ечник *м* балалайканавоз; **ор-ке́стр ~ов** оркестри балалайканавозон

балала́ечн||ый, -ая, -ое ...и балалайка; ...и балалайканавоз; **~ые стру́ны** торҳои балалайка; **~ый орке́стр** оркестри балалайканавозон

балала́йка *ж* балалайка *(асбоби сетори мусиқии русӣ)* ◇ **бесстру́нная ~** *пренебр.* сафсатафуруш, ҳарзагӯй, лаққӣ

баламу́т *м разг.* фитнаангез, иғвогар

баламу́тить *несов. разг.* 1. *кого-что* иғво кардан, фитна андохтан, шӯрондан 2. *что* лой (лойолуд) кардан; **~ во́ду** обро лой кардан, дӯлобкорӣ кардан

бала́нда *ж прост.* ошн явғон, шулдурум

бала́нс *м* 1. *уст.* баробарӣ, мувозина 2. *фин.* баланс *(ҷамъбасти маблағҳои дахлу харҷ)*; **годово́й ~** балансн солона; **подвести́ ~** балансро ҳисоб карда баромадан 3. *эк.* баланс; **~ наро́дного хозя́йства** балансн хоҷагии халқ; **акти́вный ~** балансн актив; **пасси́вный ~** балансн пассив; **торго́вый ~** балансн савдо

балансёр *м* дорбоз

баланси́р *м* 1. *(шест)* лангарчӯби дорбозон 2. *тех.* балансир *(фашангест, ки ҳаракатро аз як қисми мошин ба қисми дигараш мегузаронад)* 3. *тех.* раққосак, раққосаки соат

баланси́рование *с (по знач. гл.* **баланси́ровать)** мувозӣ кардан(и), мувозина нигоҳ доштан(и)

баланси́ровать *несов.* мувозӣ кардан, мувозина нигоҳ доштан; **~ на про́волоке** симбозӣ кардан

балансиро́вка *ж см.* **баланси́рование**

балансиро́вочн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и мувозина; **~ая маши́на** мошини мувозина

бала́нсовый, -ая, -ое *фин.* ...и баланс, балансӣ; **~ отчёт** ҳисоботи балансӣ

балахо́н *м разг.* ҷома

балбе́с *м бран.* лаванд; каллаварам, каллакаду

балбе́сничать *несов. прост.* бекорхуҷагӣ кардан, саланг-саланг гаштан

балда́ *ж* 1. *уст.* босқон 2. *м, ж бран.* ландаҳур

балдахи́н *м* шомиёна

балери́на *ж* балерина, раққосаи балет

бале́т *м* балет; **класси́ческий ~** балети классикӣ; **вальс из ~а** вальси балет; **арти́стка ~а** артисткаи балет

балетме́йстер *м* балетмейстер, устоди балет

бале́тн||ый, -ая, -ое ...и балет, балетӣ; **~ый та́нец** рақси балет; **~ая му́зыка** мусиқии балет

балетома́н *м* балетдуст

балетома́ния *ж* балетдустӣ

ба́лка I *ж* болор, шоҳтир; **дере-вя́нная ~** болори чӯбин; **желе́зная ~** шоҳтири оҳанин

балка II *ж обл. (овраг)* сой, ҷарӣ, оббурда

балка́нск||ий, -ая, -ое ...и Балкан; **~ие стра́ны** мамлакатҳои Балкан

балка́рец *м* балкор; *см.* **балка́рцы**

балкарка *ж* балқорзан, балқордухтар, зани (духтари) балқор; *см.* **балка́рцы**

балкарский, -ая, -ое ...и балқорҳо, балқорӣ; **~ язы́к** забони балқорӣ

балка́рцы *мн.* балқорҳо *(яке аз халқҳои туркзабони Кавказ)*

балко́н *м* 1. балкон, полкона; **дом с ~ом** хонаи балкондор; **дверь на**

~ дари балкон 2. *театр.* балкон; **пёрвый ряд** ~а катори якуми балкон
балко́нн||ый, -ая, -ое ...и балкон; ~**ая дверь** дари балкон
балл *м* 1. балл (*ченаки шиддати ягон ҳодисаи табиӣ*); **ветер доходил до семи́ ~ов** шиддати бод то ҳафт балл мерасид 2. (*оценка*) баҳо; **вывести ~** баҳо мондан (гузоштан)
балла́да *ж* 1. *лит.* кисса, манзума, баллада 2. *муз.* баллада
балла́ст *м* 1. *мор., ав.* сарборӣ; ~ **корабля́** сарбории киштӣ 2. *ж.-д.* пуштаи роҳи оҳан 3. *перен.* салмаи сақат
балла́стер *м ж.-д.* балластер (*мошине, ки ба пуштаи роҳи оҳан регу шағал мерезад*)
балласти́ровать *несов. ж.-д.* балласт рехтан, пушта сохтан
балластиро́вка *ж* (*по знач. гл.* **балласти́ровать**) балластрезӣ, пуштасозӣ; ~ **пути́** сохтани пуштаи роҳи оҳан
балла́стн||ый, балла́стов||ый, -ая, -ое ...и сарборӣ; ~**ая систе́ма корабля** системаи сарбории киштӣ
балли́стика *ж* баллистика (1. *як қисми механикаи назарӣ, ки қонунҳои ҳаракати ягон ҷисми вазнини ба фазо сардодашударо меомузад* 2. *илми ҳаракати тири туп*)
баллисти́ческ||ий, -ая, -ое ...и баллистика, баллистикӣ; ~**ая раке́та** ракетаи баллистикӣ
ба́ллов||ый, -ая, -ое ...и балл, баллӣ; ~**ая характери́стика ве́тра** тавсифи баллии қуввати шамол
балло́н *м* баллон (1. *зарфи моеот ва газҳо* 2. *камераи резинии автомобиль* 3. *халтаи газногузари аэростат*) ◇ ~**-зонд** баллон-зонд (*аэростати хурде барои таҳқиқоти метеорологӣ*)
балло́нный, -ая, -ое ...и баллон
баллоти́рование *с см.* **баллотировка**
баллоти́ровать *несов.* *кого-что* овоз додан, интихоб кардан
баллоти́роваться *несов.* 1. номзадии худро ба овоз мондан 2. *страд.* ба овоз монда шудан, интихоб шудан
баллотиро́вка *ж* (*по знач. гл.* **баллоти́ровать**) овоздиҳӣ, овоз додан(и), интихоб кардан(и)
баллотиро́вочный, -ая, -ое ...и овоздиҳӣ, ...и интихобот; ~ **бюллете́нь** бюллетени овоздиҳӣ, варақаи интихобот
ба́лльн||ый, -ая, -ое ...и балл, баллӣ; ~**ая систе́ма** системаи баллӣ
-ба́лльный, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «балл»*; **пятиба́лльный** панҷбаллӣ
бало́ванный, -ая, -ое 1. *прич. разг.* эрка (нозпарвард) кардашуда 2. *прил.* эрка, нозпарвард, ёзида; ~ **ребёнок** бачаи эрка
балова́ть *несов.* 1. *кого* эрка (нозпарвард) кардан, ёзонидан, бо ноз парваридан; ~ **ребёнка** бачаро эрка кардан 2. *чем* дилхушӣ бахшидан, хурсанд кардан; ~ **внима́нием** илтифот кардан 3. *прост. см.* **балова́ться** 1; 4. *уст. прост.* роҳзанӣ кардан; бадахлокӣ кардан
балова́ться *несов.* 1. шӯхӣ (эркагӣ) кардан; бозӣ кардан; ~ **с детьми́** бо бачаҳо бозӣ кардан 2. *чем разг.* бо *чизе* дилхуш шудан; ба *чизе* ҳавас доштан 3. *см.* **балова́ть** 4
ба́лов||ень *м* 1. *разг.* эрка, нозпарвард(а); **он был ~нем семьи** вай эркаи аҳли хонавода буд; ~**ень судьбы́** хуштолеъ, баландикбол 2. *см.* **баловни́к**
баловни́к *м разг.* шух
баловни́ца *женск. к* **баловни́к**
баловно́й, -ая, -ое *прост.* 1. (*озорной*) шух 2. (*балованный*) эрка, нозпарвард
баловство́ *с разг.* 1. (*по знач. гл.* **балова́ть** 1) эрка (нозпарвард) кардан(и) 2. шухӣ; ~ **детей перешло́ грани́цы** шухии бачагон аз ҳад гузашт
ба́лочный, -ая, -ое ...и болор, ...и шоҳтир, болорӣ
балти́йск||ий, -ая, -ое балтикӣ, ...и баҳри Балтика; ~**ие языки́** *лингв.* забонҳои балтикӣ (*гуруҳи забонҳои литвонӣ, латышӣ ва забони мурдарафтаи пруссӣ*)
балы́к *м* балик (*гушти яхнии моҳии сурх*)
балыко́вый, -ая, -ое ...и балик
бальза́м *м* 1. равғани баласон, марҳам (*шираи хушбуи баъзе гиёҳҳо, ки қатрон ва равғанҳои эфирӣ дорад*) 2. *перен.* марҳами (ороми, давои) ҷон; **его́ пи́сьма бы́ли для меня́ чуде́сным ~ом** мактубҳои вай барои ман марҳами ҷон буданд ◇ **проли́ть** ~ *на что уст.* хотирҷамъ (дилҷамъ) кардан, дилдорӣ (дилбардорӣ) кардан
бальза́мин *м бот.* дарахти баласон, гули ҳино
бальзами́новые *мн. бот.* баласонҳо (*номи як гуруҳи растаниҳо*)
бальзами́рование *с* (*по знач. гл.* **бальзами́ровать**) ҳунут кардан(и)
бальзами́ровать *несов.* *кого-что* ҳунут молида мумиё кардан, ҳунут кардан
бальзами́роваться *несов. страд.* ҳунут карда шудан
бальзами́ческ||ий, -ая, -ое баласонӣ, баласондор; ~**ая пи́хта** санавбари баласондор; ~**ие вещества́** моддаҳои баласондор
бальза́мн||ый, -ая, -ое *см.* **бальзами́ческий**; ~**ое де́рево** дарахти баласон
бальнео́лог *м* бальнеолог, гармобшинос
бальнеологи́ческий, -ая, -ое бальнеологӣ, гармобшиносӣ; ~ **куро́рт** курорти бальнеологӣ
бальнеоло́гия *ж* бальнеология, гармобшиносӣ (*соҳаи тиб, ки таркиби химиявӣ ва таъсири муолиҷавии обҳои минералиро меомузад*)
ба́льн||ый, -ая, -ое ...и бал, ...и базм, базмӣ, ...и базмравӣ; ~**ое пла́тье** куртаи базмравӣ; ~**ые та́нцы** рақсҳои базм(ӣ)
балюстра́да *ж* панҷара, балюстрада (*сутунчаҳои нақшини айвонҳо, зинапояҳо ва ғ.*)
баля́сина *ж* балясина, сутунчаи нақшини панҷара
баля́сник I *м собир.* балясник (*масолеҳи сутунчаҳои нақшини панҷара*)
баля́сник II *м обл.* ҳазлбоз, шӯхкарӣ
баля́сничать *несов. обл.* ҳазл (ҳазлбозӣ) кардан
баля́сы: ~ **точи́ть** *прост.* лаққидан
бамбу́к *м* бамбук, наи ҳиндӣ; **за́росли ~а** бамбукзор; **коро́бочка из ~а** қуттичаи бамбукӣ
бамбу́ков||ый, -ая, -ое ...и бамбук, бамбукӣ; ~**ая трость** асои бамбукӣ ◇ ~**ое положе́ние** *прост.* ҳолати ноҳинҷор
бана́льност||ь *ж* 1. фаҷӣ, бемазагӣ 2. сухани забонзад (обшуста); **говори́ть ~и** сухани забонзад гуфтан
бана́льн||ый, -ая, -ое (бана́|лен, -льна, -льно) фаҷ, бемаза, забонзад; ~**ая фра́за** ибораи забонзад
бана́н *м* банан (*растании дарахтмонанди тропики ва меваи он*)
бана́новый, -ая, -ое ...и банан
ба́нда *ж* дастаи роҳзанон (ғоратгарон, авбошон)
банда́ж *м* 1. бандаж, шикамбанд (*миёнбанди махсус барои дуруст нигоҳ доштани шикам ё ягон аъзои дигари бадан*) 2. *тех.* бандаж (*ҳалқа ё чанбараки металлӣ, ки ба қисмҳои мошинҳо барои мустаҳкамӣ ё хӯрда нашудани онҳо пушонда мешавад*)
банда́жный, -ая, -ое ...и бандаж
бандеро́ль *ж* 1. бандероль (*бастаи коғазӣ барои бо почта фиристодани чизҳои чопӣ, китоб ва ҳоказо; посылкае, ки ба коғаз печонда шуда бошад*); **заказна́я** ~ бандероли супоришӣ; **це́нная** ~ бандероли нархдор; **отпра́вить кни́гу ~ю** китобро бандероль карда фиристодан 2. (*ярлык*) бандероль (*коғазест, ки ба молҳо часпонда шуда, додагӣ будани боҷпулиро гувоҳӣ медиҳад*)
ба́нджо *с нескл.* банҷо (*асбоби мусиқии тории зангиҳои Америка*)
банди́т *м* роҳзан, ғоратгар, яғмогар; **матёрый** ~ роҳзани гузаро
бандити́зм *м* роҳзанӣ, ғоратгарӣ, яғмогарӣ
банди́тский, -ая, -ое ...и роҳзан, ...и ғоратгар, роҳзанона, ғоратгарона, яғмогарона; ~ **налёт** ҳамлаи роҳзанона
банду́ра *ж* бандура (*танбури украинӣ*)
бандури́ст *м* бандуранавоз
ба́нить *несов.* *что воен.* мили тӯпро тоза кардан
банк *м* 1. банк; **Госуда́рственный ~ СССР** Банки давлатии СССР 2. *карт.* банк (*маблағи пуле, ки дар миёнҷои қартабозӣ мегузоранд*) 3. *карт.* банк (*навъи қартабозӣ*) ◇ **метать** ~ *карт.* қарта додан; қарта тақсим кардан
ба́нк||а I *ж* банка; **стекля́нная ~а** банкаи шишагӣ; ~**а для варе́нья** банкаи мураббо; **консе́рвная ~а** банкаи консерва, қуттии консерва // *чаще мн.* **ба́нки** *мед.* банка; **ста́вить ~и** банка мондан ◇ **ле́йденская ~а** *физ.* банкаи лейденӣ (*асбобест барои ҷамъ кардани қувваи электр*)
банка II *ж мор.* хараки заврақ

ба́нка III *ж мор.* пастоб, чои пасти об
банкабро́ш *м уст. тех. см.* **ро́вничный (ро́вничная маши́на)**
банке́т I *м* банкет, зиёфати бошукӯҳ; **дать** ~ **в честь чего-л.** ба яғон муносибат зиёфат додан
банке́т II *м тех.* банд, сарбанд, дарғот
банки́р *м* соҳиби банк, банкир
банки́рский, -ая, -ое ...и соҳиби банк, ...и банкир
банкно́ты *мн.* (*ед.* **банкно́т** *м,* **банкно́та** *ж*) *фин.* пули коғазӣ
ба́нковский, -ая, -ое ...и банк; ~ **биле́т** *фин.* билети банк, пули коғазӣ
ба́нков||ый, -ая, -ое ...и банк; ~**ое де́ло** кори банк; ~**ые опера́ции** муомилоти банк
банкомёт *м карт.* банкдор
банкро́т *м* 1. варшикаст(а), муфлис 2. *перен.* шикастхурда, дучори нокомӣ шуда; **полити́ческие** ~**ы** сиёсатчиёни шикастхӯрда
банкро́тство *с* шикаст, муфлисӣ; ~ **ба́нков** шикасти банкҳо || *перен.* шикаст, шикаст хурдан(и), дучори нокомӣ шудан(и); **полити́ческое** ~ шикасти сиёсӣ
ба́нник *м воен.* сунбан туп
ба́нный, -ая, -ое ҳаммомӣ, ...и ҳаммом; ~ **день** рузи ҳаммом ◇ **как** ~ **лист приста́ть (привяза́ться)** *прост.* кана барин часпидан
бант *м* бант (*тасмаи гиреҳбаста барои зинат*); **завяза́ть** ~**ом** бант бастан; **пла́тье с** ~**ом на по́ясе** куртаи миёнбандаш бантдор
ба́нтик *м уменьш. к* бант ◇ **гу́бки** ~**ом** ғунчадаҳон, ғунчалаб
ба́нту *м, мн. нескл.* банту (1. *гурӯҳи халқҳои Африко* 2. *гурӯҳи забонҳои Африко*)
ба́нщик *м* хаммомӣ, ходим
ба́н||я *ж* 1. ҳаммом, гармоба; **бе́лая** ~**я** ҳаммоми мӯридор; **чёрная** ~**я** ҳаммоми бемӯрӣ 2. *разг.* оббозӣ, шустушӯй (*дар ҳаммом*) 3. *перен.* сарзаниш, танбеҳ, гушмол; **зада́ть** ~**ю** сарзаниш (гӯшмол) кардан 4. гармкунак (*асбоби гарм кардани моддаҳое, ки аз оташ эҳтиёт кардан лозим аст*)
баоба́б *м бот.* баобаб (*дарахти азими тропики*)
баптизм *м рел.* баптизм (*яке аз мазҳабҳои насронӣ, ки аҳли он фақат дар синни балоғат ғусли таъмид мекунанд*)
бапти́ст *м рел.* баптист, пайрави баптизм
баптистский, -ая, -ое баптистӣ, ...и баптист, ...и баптизм
бар I *м* бар (*ресторанча ё як қисми он*)
бар II *м метео* бар (*воҳиди фишори ҳаво*)
бар III *м горн.* парма
бар IV *м мор.* пастоб, тунукоба
бараба́н *м* 1. нақора, табл, дуҳул; **бить в** ~ нақора (табл) задан 2. *тех.* барабан, устувона (*цилиндри дарункововоки машина ва механизмҳои гуногун*) 3. *архит.* пояи гунбаз
бараба́ни||ть *несов.* 1. нақора (табл) задан 2. *перен.* задан, куфтан, нақоравор задан; **дождь** ~**л в о́кна** борон ба тирезаҳо нақоравор мезад 3. *что и без доп. разг.* ноӯҳдабароёна навохтан (*мас. рояль*)
бараба́нн||ый, -ая, -ое 1. ...и нақора, ...и табл, ...и дуҳул; ~**ый бой** овози нақора; ~**ая дробь** даранг-дурунги нақора 2. *тех.* ...и барабан, барабандор; ~**ая молоти́лка** ғаллакӯбаки барабандор ◇ ~**ая перепо́нка** *анат.* пардаи гуш
бараба́нщик *м* нақорачӣ, нақоразан, таблзан, дуҳулзан ◇ **отставно́й козы́** ~ *шутл., ирон.* одами ношудиноруид, боми пастак
барабу́лька *ж* (*рыба*) барабулька (*навъи моҳии хурди баҳрӣ*)
бара́к *м* барак (1. *иморати мувaққатии тахтагӣ* 2. *уст. бинои махсус барои беморони гирифтори касалиҳои гузаранда*)
бара́н *м* 1. (*самец овцы*) гусфанд, гуспанд, қушқор, тагал 2. гусфанд, гуспанд; **ди́кий** ~ гуспанди ёбой ◇ **ста́до** ~**ов** *прост. ирон.* рамаи гусфандон барин; **упёрся как** ~ *прост.* раги сактааш гирифт, гарданшахӣ (якраҳагӣ) карда сахт истод; **уста́вился как (сло́вно, бу́дто, то́чно)** ~ **на но́вые воро́та** *прост.* ҳангу манг шуда монд, даҳонашро кушода монд
бара́н||ий, -ья, -ье 1. ...и гусфанд, ...и тагал, гусфандӣ, мешӣ; ~**ий жир** равғани дунба 2. ...и пусти гӯсфанд; ~**ий тулу́п** пустини пӯсти гӯсфанд 3. гусфандӣ, ...и гушти гусфанд; ~**ьи котле́ты** котлети гӯшти гӯсфанд ◇ ~**ья голова́** *прост. бран.* одами бекалла, каллакаду; **в** ~**ий рог согну́ть (скрути́ть)** *кого* ба тахта кашидан, мутеъ кардан
бара́нин||а *ж* гушти гӯсфанд; **жарко́е из** ~**ы** кабоби гӯшти гӯсфанд
бара́н||ка *ж* 1. ҳалқакулча; **свя́зка** ~**ок** хамели ҳалқакулча 2. *перен. прост.* рули автомобиль
баранта́ *ж* баранта (*худсарона ҷазо додани гунаҳкор дар байни қабилаҳои кучманчӣ бо роҳи ғорат кардани молу мулки вай*)
барахли́||ть *несов. прост.* бад кор кардан, вайрон шудан; **мото́р** ~**т** мотор бад кор мекунад
барахло́ *с собир. прост.* 1. кӯҳнакола, лашулуш; **ра́зное** ~ хар хел кӯҳнакола 2. *перен. бран.* одами ганда, нобакор
барахо́лка *ж прост.* чайқовбозор
барахо́льщик *м разг.* кӯҳнафуруш; кӯҳнабисот, кӯҳнағундор
барахо́льщица *женск. к* **барахо́льщик**
бара́хтанье *с* (*по знач. гл.* **бара́хтаться**) даступозанӣ, шалпасзанӣ, шалпас задан(и)
бара́хта||ться *несов.* дасту по(й) задан, афтухез кардан, шалпас задан; **де́ти** ~**лись в реке́** бачаҳо дар дарьё шалпас зада оббозӣ мекарданд
бара́чн||ый, -ая, -ое ...и барак; **постро́йка** ~**ого ти́па** иморати баракшакл
бара́ш||ек *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **бара́н;** 2. пӯсти барра (баррагӣ); **воротни́к из** ~**ка** гиребони пусти барра 3. *мн.* **бара́шки** (*на море*) кафки теғаи мавҷҳо 4. *мн.* **бара́шки** (*облака*) абрҳои баррашакл 5. *мн.* **бара́шки** *бот.* гулҳои бед 6. *тех.* ҳалқаи дарунпеч, ҳалқаи печдор ◇ ~**ек в бума́жке** *уст.* пора, ришва
бара́шков||ый, -ая, -ое ...и барра, ...и пусти барра; ~**ая ша́пка** телпаки пусти барра; **пальто́ на** ~**ом меху́** пальтои пусти барра
бара́шком *нареч.* ҷингила; **во́лосы** ~ мӯи ҷингила
барбари́с *м* (*кустарник*) буттаи зирк (анбарборис, зилол); (*ягоды*) зирк, анбарборис, зилол
барбари́совый, -ая, -ое зиркӣ, ...и зирк, ...и анбарборис, зилолӣ, ...и зилол; ~ **куст** буттаи зирк
барбо́с *м* 1. барбос (*саги хонагӣ*) 2. *перен. груб.* одами дағал, сагмизоҷ
барви́нок *м бот.* барвинок (*як навъ алафи ҳамешасабзи кабудгул*)
бард *м* 1. гуянда, шоир (*дар қабилаи кельт*) 2. *перен. уст. поэт.* ҳофиз, мутриб
барда́ *ж* дурда, тилф
ба́ре *прост. мн. от* **ба́рин**
баре́ж *м уст.* бареж, ҳарир
баре́жевый, -ая, -ое *уст.* барежӣ, ...и бареж, ҳарирӣ, ...и ҳарир
барелье́ф *м* барельеф, нақши барҷаста (*тасвири муқарнас*)
барелье́фный, -ая, -ое барельефӣ, ...и барельеф
баре́тки *мн* (*ед.* **баре́тка** *ж*) *прост.* баретка (*пойафзоли тугманок ё банддор*)
баре́ттер *м* бареттер (*асбоби танзими қувваи электр*)
ба́ржа *ж* баржа (*қаиқи калони боркаш, ки онро киштии дигар мекашад*); **самохо́дная** ~ баржаи худгард
ба́ржевый, -ая, -ое, **баржево́й,** -ая, -ое ...и баржа, ...и қаиқи боркаш
ба́риевый, -ая, -ое ...и барий
ба́ри||й *м* барий (*элементи химиявӣ, металл*); **со́ли** ~**я** намакҳои барий
ба́рин *м уст.* 1. арбоб, мулкдор, амлокдор, помещик, дворянин 2. аъён, ашроф 3. ҷаноб, хуҷаин 4. *перен. разг.* олуфтаи бекорхуҷа, олуфтасатанг ◇ **жить** ~**ом** меҳнат накарда бо роҳат руз гузарондан; **сиде́ть** ~**ом** бекор нишастан
барисфе́ра *ж геол.* барисфера, мағзи кураи Замин
бари́т *м мин.* барит (*сулфати барий*)
барито́н *м* баритон (1. *овози мардонаи байни баму зер* 2. *ҳофизи овозаш баритон* 3. *асбоби мусиқии сурнаймонанд*)
баритона́льный, -ая, -ое баритонмонанд; ~ **бас** овози ғафси баритонмонанд
барито́нный, -ая, -ое баритонӣ, ...и баритон
ба́рич *м уст. разг.* 1. (*сын барина*) арбобзода, ашрофзода, бойбача 2. *см.* **ба́рин** 1, 2, 4

барический, -ая, -ое *геофиз.* ...и фишори ҳаво

барк *м мор.* барк (*киштии калони бодбонӣ*)

барка *ж* барка (*киштии чӯбини бесаҳни боркаши дарьёӣ*)

баркарола *ж муз.* баркарола (*1. суруди завраҳронони Венеция 2. асари мусиқӣ ба оҳанги баркарола*)

баркас *м* баркас (*1. қаиқи калони бисьёрбела 2. киштии хурди ёрирасон дар бандар*)

баркасн||ый, -ая, -ое ...и баркас, қаиқӣ, ...и қаиқи калон; **~ое весло** бели баркас

бармы *мн.* барм, китфандоз (*ҷузъи либоси идонаи пурзебу зинати шоҳу князьҳои рус*)

барограф *м* барограф (*барометри худнавис*)

барокамера *ж* барокамера (*камераи махсус барои омухтани таъсири қабатҳои баланди ҳаво ба организми одам ва санҷидани асбобҳои авиационӣ*)

барокко *с иск.* барокко (*услуби санъати меъмории асрҳои 16—18*)

барометр *м* 1. барометр, ҳавосанҷ (*асбоби ченкунии фишори ҳаво*); **~ падает** барометр фишори пасти ҳаворо нишон медиҳад; **~ поднимается** барометр фишори баланди ҳаворо нишон медиҳад; **ртутный ~** барометри симобӣ 2. *перен.* мизон

барометрическ||ий, -ая, -ое барометрӣ, ...и барометр, ...и фишори ҳаво; **~ий столб** дараҷаи фишори барометр; **~ое давление** фишори барометрӣ, фишори ҳаво

барон *м* барон (*унвони дворянӣ*)

баронесса *ж* баронесса, баронхонум, зани барон, барондухтар

баронет *м* баронет (*унвони дворянӣ дар Англия*)

баронский, -ая, -ое баронӣ, ...и барон

баронство *с* унвони баронӣ, баронӣ, барон будан(и)

барочник *м* 1. ходими барка, баркарон

барочный, -ая, -ое ...и барка; баркабоб; **~ тёс** тахтаи баркабоб

барраж *м ав.* барраж (*монеаи ҳавоӣ аз аэростатҳо барои нагузоштани самолёти душман*)

барражирование *с* (*по знач. гл.* **барражировать**) посбонӣ дар ҳаво

барражировать *несов. ав.* посбонӣ кардан дар ҳаво

баррель *м* баррель (*воҳиди зарфияти ҳаҷми маҳсулоти реза ва ё моеъ дар ШМА, Британияи Кабир ва ғ.*)

баррикад||а *ж* баррикада, сангар, шинак; **сражаться на ~ах** дар сангарҳо ҷанг кардан; **уличные ~ы** шинакҳои кучагӣ

баррикадировать *несов. что* баррикада (сангар) сохтан, бо баррикада банд кардан; **~ улицу** кучаро бо сангар банд кардан

баррикадироваться *несов.* 1. баррикада сохта худро муҳофиза кардан, дар сангар нишастан 2. *страд.* бо сангар банд карда шудан, шинак сохта шудан

баррикадн||ый, -ая, -ое ...и шинак ...и сангар; **~ые бои** ҷанги баррикада

барристер *м* барристер (*адвокати олирутба дар Англия*)

барс *м* паланг

барск||ий, -ая, -ое 1. *уст.* ...и аъёнӣ, ашрофона; **~ий дом** ҳавлии аъён 2. мутакаббир(она), беэътино(ёна), калонгир(она); **~ие замашки** қилиқҳои калонгирона; **~ое отношение к делу** муносибати беэътиноёна ба кор ◇ **жить на ~ую ногу** *уст.* бо фароғат зистан; гул хурда, гул пушидан

барственн||ый, -ая, -ое 1. ашрофона; **~ая осанка** қаду қомати ашрофона 2. беэътиноёна, мағрурона, ҳавобаландона

барство *с* 1. ашрофтабиатӣ, нозпарвардӣ, танпарварӣ 2. такаббур, ғурур, ҳавобаландӣ 3. *собир. уст.* аъёну ашроф, помещикҳо

барствовать *несов.* ашрофона руз гузарондан, фориғболона зиндагӣ кардан

барсук *м зоол.* қашқалдоқ; (*мех*) пусти қашқалдоқ

барсуковый, -ая, -ое *см.* **барсучий**

барсуч||ий, -ья, -ье ...и қашқалдоқ; ...и пусти қашқалдоқ; **~ья нора** лонаи қашқалдоқ; **~ья шапка** кулоҳи пусти қашқалдоқ

барханный, -ая, -ое ...и хомаи рег

барханы *мн.* (*ед.* **бархан** *м*) хомаи рег

бархат *м* бахмал, махмал; **платье из ~а** куртаи бахмал ◇ **ходить в шелку да в ~е** бо карру фарр зистан

бархатист||ый, -ая, -ое (бархатист, -а, -о) 1. бахмалмонанд, бахмалвор, бахмал (махмал) барин; **~ая кожа** пусти бахмалмонанд 2. *перен.* нозук, форам, нарм, зариф; **~ый голос** овози форам

бархатка *ж* бахмалпора; тасмаи бахмалин

бархатный, -ая, -ое 1. бахмалӣ, махмалӣ, бахмалин, ...и бахмал, ...и махмал; **~ воротник** гиребони бахмалин 2. (*бархатистый*) бахмалмонанд, бахмалвор, бахмал (махмал) барин 3. *перен.* нозук, форам, нарм, мулоим; **~ голос** овози форам ◇ **~ сезон** фасли тирамоҳ, тирамоҳи заррин

бархатцы *мн.* (*ед.* **бархатец** *м*) *бот.* аббосӣ

бархотка *ж разг. ниг.* **бархатка**

барчонок *м см.* **барчук** 1

барчук *м разг.* 1. *уст.* (*сын барина*) ашрофзода, бойбача, бегиҷон 2. *перен.* нозпарварда, эркатулфор

барщина *ж ист.* барщина (*меҳнати бемузди маҷбурии деҳқонон ба фоидаи помещик*)

барщинный, -ая, -ое *ист.* ...и барщина, барщинагӣ; **~ труд** меҳнати барщинагӣ

бары *прост. мн. от* **барин**

барынька *ж. прост. уменьш.-унич. к* **барыня** хонумча, бегимча

барыня *ж* 1. *женск. к* **барин** 1, 2, 4; 2. (*хозяйка, госпожа*) хонум 3. барыня (*номи рақс ва суруди халқии рус*)

барыш *м уст.* (*прибыль*) фоида; **продать с ~ом** бо фоида фурӯхтан || (*выгода*) фоида, нафъ, суд, манфиат; **быть в ~е** нафъ дидан, фоида гирифтан

барышник *м уст.* ҷаллоб, ҳаннот; аспҷаллоб, молҷаллоб

барышничать *несов. уст.* ҷаллобӣ (ҳаннотӣ) кардан

барышничество *с уст.* ҷаллобӣ, ҳаннотӣ, ҷаллобӣ (ҳаннотӣ) кардан(и)

барышня *ж* 1. *уст.* (*дочь барина*) бойдухтар, хонумдухтар 2. *уст.* (*молодая девушка*) духтар, ҷавондухтар, душиза 3. *перен. разг.* духтари эрка ◇ **кисейная ~** *ирон.* эркадухтар

барьер *м* 1. (*в скачках и т. п.*) ғавчуб, деворча, монеа; **прыгать через ~** аз болои ғавчуб ҷаҳидан 2. девора, панҷара; чиғ; **окружить ~ом** гирдогирд панҷара кашидан 3. *перен.* душворӣ, мушкилӣ, монеа; **таможенные ~ы** монеаҳои боҷхона 4. *уст.* (*при дуэли*) ҳадди байни иштироккунандагони дуэль ◇ **~ несовместимости** *биол.* садди танофур; **поставить кого-л. к ~у** касеро ба дуэль чеғ задан, касеро ба майдон талабидан; **преодолеть звуковой ~** аз садди садо гузаштан

барьерный, -ая, -ое ғавчубӣ, ...и ғавчуб, ...и монеа, ...и садд, ...и девора, ...и панҷара

бас *м* 1. овози бам (*овози ғафси мардона*); **говорить ~ом** бо овози ғафс гап задан 2. (*певец*) бас (*ҳофизи овозаш ғафс*) 3. бам (*садои пасти асари мусиқие, ки оҳангҳои ҳархела дорад*) 4. бас (*асбоби мусиқии овозаш бам*) 5. *мн.* **басы** бамҳо (*садоҳои бам — торҳо, тугмачаҳои асбоби мусиқӣ, ки аз онҳо овози бам мебарояд*)

басенный, -ая, -ое ...и масал, ...и матал; **~ сюжет** сюжети тамсилӣ

басистый, -ая, -ое (басист, -а, -о) *разг.* (*о голосе*) бам, ғафс; **~ голос** овози бам (ғафс); (*о человеке*) ...и овозаш ғафс; **~ юноша** ҷавони овозаш ғафс

басить *несов. разг.* бо овози ғафс (бам) гап задан (сурудан)

баск *м* баск; *см.* **баски**

баска *ж* баска (*ҷимҷимаи миёни куртаи занона*)

баскак *м ист.* басқоқ (*амлокдори хони муғул*)

баскетбол *м* баскетбол

баскетболист *м* баскетболбоз, бозингари баскетбол

баскетболистка *женск. к* **баскетболист**

баскетбольн||ый, -ая, -ое баскетболӣ, ...и баскетбол, ...и баскетболбозӣ; **~ая команда** командаи баскетболбозон

баски *мн.* баскҳо (*яке аз қавмҳои шимолу ғарби Испания ва баъзе вилоятҳои ҷануби ғарбии Франция*)

баскoнка *ж* баскзан, баскдухтар; *см.* **баски**

баскский, -ая, -ое баскӣ, ...и баск; **~ язык** забони баскӣ

ба́сма *ж* ўсма

басма́ *ж ист.* босма (1. *лавҳаи тунуки нақшдори металлӣ барои зебу зинат* 2. *ваколатномаи хонҳои муғул ба шакли лавҳаи тунуки нақшдори металлӣ*)

басма́ч *м ист.* босмачӣ

басма́чество *с ист.* босмачигӣ, босмачигарӣ

баснопи́сец *м* масалнавис

баснословный, -ая, -ое (баснослов|ен, -на,. -но) 1. *уст.* афсонавӣ, афсонавор, ривоятӣ 2. фавқулодда, ғайриоддӣ; аз ҳад афзун (зиёд); ~ **урожа́й** ҳосили фавқулодда зиёд

ба́сн||я *ж* 1. масал, матал, шуг 2. *чаще мн.* **ба́сни** ёва, ҳарза, гапи беҳуда; **соловья ~ями не кормят** *посл.* ≈ бо ҳалво гуфтан даҳан ширин намешавад ◇ **сде́латься (стать) ~ей** *уст.* мояи ғайбати умум гардидан, бодгири даҳани мардум шудан

басови́тый, -ая, -ое (басовит, -а, -о) *см.* **баси́стый**

басо́в||ый, -ая, -ое ...и бам; **~ые но́ты** нотаҳои бам; **~ая струна́** тори бам; **~ый ключ** *муз.* мифтоҳи бам

басо́н *м* каноран (зеҳи) нақшдор, канораи зардузӣ, канораи (тасмаи) калобатунӣ

басо́нн||ый, -ая, -ое ...и канораи зардузӣ, ...и зеҳи зардузӣ (калобатунӣ); **~ая рабо́та** зардузӣ, зеҳбофӣ

бассе́йн *м* 1. ҳавз, обанбор, сардоба, истахр; **пла́вательный ~** ҳавзи шиноварӣ 2. *геогр.* ҳавза (*территорияе, ки баҳр, кул ё дарьёро бо шохобҳояш дар бар мегирад*); **в ~е Во́лги** дар ҳавзаи Волга 3. *геол.* ҳавза (*территорияи конҳои ягон маъдан*); **у́гольный ~** ҳавзаи ангиштсанг

ба́ста *межд. разг.* бас, бас аст, тамом; **сейча́с ко́нчу писать — и ~!** бас аст, дигар наменависам!

баста́рд *м биол.* дурага, ҳайвони дурага

бастио́н *м* қалъа, истеҳком; **непристу́пный ~** қалъаи фатҳнопазир

бастио́нный, -ая, -ое ...и қалъа

бастова́ть *несов.* кор партофтан, корпартоӣ кардан

басурма́н *м уст.* 1. аҷнабӣ 2. *бран.* муртад, лаин

батале́р *м мор.* баталёр (*старшинаи қисмҳои ҳарбии баҳрӣ, ки мутасаддии хуроку пушок аст*)

батали́ст *м* размнигор, размкаш

бата́лия *ж* 1. *уст.* разм, корзор, пайкор 2. *разг. ирон.* занозанӣ, кашмакаш

бата́льн||ый, -ая, -ое ...и ҷанг, ҷангӣ, ...и корзор, ...и пайкор; **~ая живопись** тасвири манзараҳои корзор (ҷанг)

бата́льо́н *м* батальон (*қисми ҳарбие, ки аз якчанд рота иборат аст*); **стрелко́вый ~** батальони тирандозон; **миномётный ~** батальони миномётчиён; **~ свя́зи** батальони алоқа

батальо́нный, -ая, -ое ...и батальон, батальонӣ; **~ команди́р** командири батальон

батаре́ец *м разг.* тупчӣ

батаре́йка *ж* батареяча, батарейка; **~ карма́нного фонаря́** батареячаи фонуси кисагӣ

батаре́йный, -ая, -ое батареягӣ, ...и батарея; **~ ого́нь** оташфишонии батарея

батаре́я *ж* 1. *в разн. знач.* батарея; **миномётная ~** батареяи миномётҳо; **электри́ческая ~** батареяи электрикӣ; **~ парово́го отопле́ния** батареяи хонагармкунӣ 2. *шутл.* як радда; **~ буты́лок** як радда шиша

бата́т *м бот.* батат, картошкаи ширин (*як навъ растании тропикии решааш картошкамонанд*)

ба́тенька *м уст. см.* **ба́тюшка** 2

батиме́трия *ж* чен кардани чуқурии (умқи) об

батипла́н *м см.* **батисфе́ра**

батиска́ф *м см.* **батисфе́ра**

бати́ст *м* батист (*навъи матои нафис*)

бати́стов||ый, -ая, -ое ...и батист, батистӣ; **~ая руба́шка** куртаи батист

батисфе́ра *ж* батисфера (*кураи пўлодин, ки даруни он нишаста чуқуриҳои баҳрро тадқиқ мекунанд*)

бато́г *м уст. и обл.* чӯб, таёқ, калтак // *мн.* **батоги** адабчӯб, ҳимча

бато́н *мн.* батон (1. *нони сафеди дароз* 2. *маснуоти қаннодӣ*); **шокола́дный ~** батони шоколад

батра́к *м* батрак, ятим, муздур

батра́цкий, -ая, -ое ...и батрак, батракӣ, ...и муздур, муздурона; **~ труд** меҳнати муздур(она)

батра́ческий, -ая, -ое *см.* **батра́цкий**

батра́чество *с* 1. батракӣ, муздурӣ, батрак (муздур) будан(и) 2. *собир.* батракон, муздурон

батра́чий, -ая, -ье *см.* **батра́цкий**

батра́чить *несов.* батракӣ (муздурӣ) кардан

батра́чка *женск. к* **батра́к**

баттерфля́й *м нескл. спорт.* баттерфляй (*як тарзи шиноварӣ*)

баты́р *м* баҳодур

ба́тька *м прост. и обл.* падар, дада, ота

ба́тюшк||а *м* 1. *уст.* (*отец*) падар, ота 2. *обращ. уст.* отекам, азизам (*муроҷиат ба ҳамсуҳбат*) 3. (*священник*) ҳазрат, тақсир ◇ **~и [мой!], ~и све́ты!** *в знач. межд.* ё алҳазар!, ё тавба!; **по ~е звать (велича́ть)** *уст.* номи падарро гирифта муроҷиат кардан; **как тебя зову́т по ~е?** номи падарат чӣ?

ба́тюшкин, -а, -о ...и падар, аз они падар; аз они падари бузургвор

ба́тя *м обл.* падар, дада, ота

бау́л *м* сандуқи хурди сафарӣ

бах *межд.* 1. *звукоподр.* бам-бам, гум-гум, гулдур-гулдур 2. *в знач. сказ. разг.* сахт задам (задӣ, зад *ва ғ.*)

ба́ханье *с* (*по знач. гл.* **ба́хнуть**) бам-бам (гум-гум) кардан(и); сахт задан(и); (*звуки*) гулдур-гулдур, гулдуррос; **~ ору́дий** гулдурроси тупҳо

ба́хать(ся) *несов. см.* **ба́хнуть(ся)**

бахва́л *м прост.* лофзан, худсито, таърифчӣ

бахва́литься *несов. прост.* лоф задан, худситоӣ кардан, манманӣ кардан

бахва́льство *с прост.* лофзанӣ, худситоӣ, худтаърифкунӣ, манманӣ

ба́хнуть *сов. однокр. разг.* 1. бам-бам (гум-гум) кардан, гулдур-гулдур кардан, гулдуррос задан 2. *кого-что и без доп.* сахт задан

ба́хнуться *сов. однокр. разг.* сахт афтидан, гулдуррос зада афтидан

бахро́м||а́ *ж* шилшила, пупак; **~а́ ска́терти** шилшилаи дастурхон; **шаль с ~о́й** руймоли пупакдор // *разг.* чизи ҷирғда-ҷирғда

бахро́мчатый, -ая, -ое шилшиладор, пупакдор

бахтарма́ *ж кож. и обл.* пардаи зери пўст, таги чарм

бахтиа́ры *мн.* бахтиёриҳо (*қавме дар Эрон*)

бахча́ *ж* полиз

бахчево́д *м* обчакор, полизкор, полизбон

бахчево́дство *с* обчакорӣ, полизкорӣ

бахчев||о́й, -ая, -ое ...и полиз, ...и обчакорӣ, полизӣ; **~ы́е культу́ры** зироати обчакорӣ

бац *межд.* 1. *звукоподр.* шарти, таққи, қарс, қарси 2. *в знач. сказ. разг.* ша́рти (та́ққи) задам (задӣ, зад *ва ғ.*); **он ~ себя́ по́ лбу** вай шарти ба пешонаи худ зад

ба́цать *несов. см.* **ба́цнуть**

баци́лла *ж бакт.* бацилла; **туберкулёзная ~** бациллаи сил

бациллоноси́тель *м мед.* бацилладор (*одам ва ё ҳайвоне, ки бактерияи ягон касалиро паҳн мекунад*)

бацилля́рный, -ая, -ое бациллагӣ, ...и бацилла

ба́цнуть *сов. однокр. разг.* 1. ша́рти (та́ққи, паққи, қарси) овоз баровардан 2. *кого-что и без доп.* сахт задан

ба́цнуться *сов. однокр. разг.* ша́рти (та́ққи, паққи, қарси) афтидан

ба́чки *мн. уменьш. к* **ба́ки**

бачо́к *м уменьш. к* **бак** I

баш: **ба́ш на ба́ш** 1) як бар як, айнан ҳамон қадар, баробар 2) бе ҳеҷ илова (*ҳангоми ба ҳам иваз кардани чизҳо*)

ба́шенка *ж уменьш. к* **ба́шня** 1

ба́шенн||ый, -ая, -ое ...и манора, бурҷӣ, ...и бурҷ; **~ые часы́** соати бурҷ; **~ый кран** кран, крани борбардор

башибузу́к *м ист.* бошибузук (*аскари қисмҳои ғайринизомии қўшуни Туркия дар асрҳои 18—19*) // *перен. уст.* авбош, роҳзан

башк||а́ *ж прост.* калла, сар ◇ **дубо́вая (ду́рья, пуста́я) ~а́** каллакаду, кундзеҳн, каллаварам; **вбива́ть в ~у́** *кому* ба калла (ба майна) ҷой кардан; **хмель вылетел у него́ из ~и́** кайфи мастиаш парида рафт

башки́р *м* бошқирд

башки́рка *ж* бошқирдзан, бошқирддухтар

башкирский, -ая, -ое бошқирдӣ, ...и бошқирдҳо, ...и Бошқирдистон; ~ **язык** забони бошқирдӣ

башкиры *мн.* бошқирдҳо, халқи бошқирд

башковитый, -ая, -ое *прост.* калладор, майнадор

башлык *м* бошлиқ, боронкулоҳ

башмак *м* 1. бошмоқ, кафш 2. *тех.* болиштак; **тормозной** ~ *ж.-д.* болиштаки тормоз ◇ **быть (находиться) под** ~**óм у жены** мутеи зани худ будан

башмачник *м уст.* бошмоқдуз, кафшдуз

башмачный, -ая, -ое ...и бошмоқ, ...и кафш

башн||я *ж* 1. манора, бурҷ; **Кремлёвские** ~**и** бурҷҳои Кремль; **водонапорная** ~**я** манораи обфишор 2. *(вышка для орудий)* бурҷи туп *(дар киштии ҳарбӣ, дар танк ё автомобили зиреҳпӯш)*

баштан *м обл. см.* **бахча**

баю-бай, баюшки-баю, баю-баюшки-баю *межд.* алла-аллаё, алла

баюканье *с* (*по знач. гл.* **баюкать**) аллагӯӣ, алла гуфтан(и)

баюкать *несов. кого* алла (алла-алла) гуфтан; ~ **ребёнка** бачаро алла гуфтан

баядера, баядерка *ж уст.* баядера, баядерка *(номи дар Европа маъмули раққосаҳои ҳинди)*

баян *м* баян

баянист *м* баяннавоз

баять *несов. что и без доп. уст. и обл.* гап задан, гуфтан, гуфтугу кардан

бдение *с* (*по знач. гл.* **бдеть**) бедорхобӣ, шабзиндадорӣ; назорат (парасторӣ) кардан(и)

бдеть *несов. уст. книжн.* 1. *(бодрствовать)* шабзиндадорӣ кардан 2. *о чём (заботиться)* ғамхорӣ кардан; нигаҳбонӣ (назорат, парасторӣ) кардан

бдительность *ж* ҳушьёрӣ, бедорӣ, ҳушьёр будан(и); **проявить** ~ ҳушьёрӣ нишон додан

бдительн||ый, -ая, -ое (бдите|лен, -льна, -льно) ҳушьёр, зирак; **будьте** ~**ы!** ҳушьёр бошед!, бохабар бошед!

бе *с нескл.* бе *(номи ҳарфи дуюми алифбои русӣ)* ◇ **кто сказал «а», тот должен сказать и «б»** «алиф» ки гуфтӣ «б»-ашро ҳам гуй; **ни бе, ни ме не знает (не понимает)** алифро аз калтак фарқ намекунад

бег *м* 1. (*по знач. гл.* **бегать** 1 *и* **бежать** 1, 2) тохт, тохтан(и), дав, давидан(и); **задыхаться от** ~**а** аз даводавӣ нафастанг шудан; ~ **на сто метров** *спорт.* давидани ба масофаи сад метр 2. тез (зуд) гузаштан(и), мурур; ~ **времени** тез гузаштани вақт 3. *мн.* **бега** пойга, аспдавонӣ; **поехать на** ~**á** ба тамошои пойга рафтан 4. *мн.* **бегá** *(обычно с предлогами «в», «из») уст.* гурез, фирор; **быть в** ~**áх** саргурез шудан ◇ ~ **на месте** *спорт.* дар як ҷо истода ҳаракати тохтро кардан; **в** ~**áх** дар давуғеч, дар ташвиш; **на** ~**ý** 1) давдавон 2) саросема, шитобкорона, шитобон

беганье *с* 1. (*по знач. гл.* **бегать** 1) давидан(и), тохтан(и); 2. *(хлопоты)* тараддуд, ташвиш

бега||ть *несов.* 1. давидан, тохтан, даводавӣ кардан; **во дворе** ~**ли дети** дар руи ҳавлӣ бачаҳо даводавӣ мекарданд 2. *от кого-чего разг.* гурехтан; худро канор гирифтан *аз касе, чизе* 3. *(о глазах)* ин сӯ-он сӯ нигоҳ кардан (чашм давондан); **его глаза так и** ~**ли** чашмонаш беҷо мешуданд 4. *за кем разг.* аз дунболи *касе* овезон шудан || *прост.* *(ухаживать)* аз дунболи зан гаштан, дум думи занҳо гаштан ◇ **мурашки** ~**ют по спине (по телу, по коже)** бадан ваҷҷарос (мурғак) мезанад

бегемот *м* баҳмут, аспи обӣ

беглец *м* гуреза, фирорӣ, гурезпо

бегло *нареч.* 1. руякӣ, сатҳӣ, сарсарӣ; ~ **просмотреть рукопись** дастнависро сарсарӣ дида баромадан 2. тез, равон, озодона, нағз; ~ **читать по-английски** озодона [матни] англисӣ хондан

беглость *ж* 1. руякӣ (сатҳӣ, сарсарӣ) будан(и) 2. равонӣ, тезӣ

бегл||ый, -ая, -ое 1. *прил. и в знач. сущ.* **беглый** *м*, **беглая** *ж уст.* гуреза, фирорӣ 2. *(поверхностный)* руякӣ, сатҳӣ, сарсарӣ; **бросить** ~**ый взгляд на кого-л.** ба касе назари сатҳӣ андохтан; ~**ый обзор** обзори мухтасар; **сделать несколько** ~**ых замечаний** ду-се қайди сарсарӣ кардан 3. *(свободный)* равон, тез; ~**ое чтение** хониши равон ◇ ~**ые гласные** *лингв.* садонокҳои ноустувор *(дар забони русӣ садонокҳои «о» ва «е», ки дар як шакли калима омада, дар шаклҳои дигари он кор фармуда намешаванд, мас.:* «лоб — лба», «день — дня»); ~**ый огонь** шиллик

беглянка *женск. к* **беглец**

бегов||óй, -áя, -óе ...и пойга; бидав, даванд; ~**áя дорожка** пайраҳаи пойга; ~**áя лошадь** аспи бидав

бегом *нареч.* тохта, тозон, давида, давон-давон; **он пустился** ~ вай давон-давон рафт ◇ **бежать** ~ бисьёр тез давидан

бегония *ж бот.* ҳасратгул

беготн||я *ж разг.* 1. давуғеч 2. *(хлопоты)* тараддуд, ташвиш; **весь день мы были в** ~**é** мо рузи дароз дар ташвиш будем ◇ **мышиная** ~**я** таку дави беҳуда

бегство *с* гурез, фирор; гурехтан(и); **обратиться в** ~ ру ба гурез ниҳодан; ~ **из плена** аз асирӣ гурехтан; **обратить в** ~ ба гурехтан (ба фирор) маҷбур кардан, гурезондан

бегун *м* 1. даванда, одами тездав (бодпо) 2. *уст. (о лошади)* аспи бидав 3. *мн.* **бегуны** *тех.* мошини ярма

бегунок I *м разг. (обходной лист)* хати давдавак *(ҳуҷҷати расмии шахси аз кор хориҷшаванда бо имзои одамони дахлдор)*

бегунок II *м* 1. *тех.* давак 2. *мн.* **бегунки** *уст.* фойтуни пойга

бегунья *женск. к* **бегун** I

бед||á *ж* 1. бадбахтӣ, мусибат, бало, фалокат; **попасть в** ~**ý** ба фалокат дуҷор шудан; **выручить из** ~**ы** аз бало халос кардан; **оказаться в** ~**é** ба бало гирифтор шудан 2. *в знач. сказ.* афсӯс ки..., нағз нашуд ки...; ~**á, что мы с тобой не встретились** афсӯс, ки мову ту вонахурдем; **не** ~**á** айб не, ҳеҷ гап не 3. *в знач. нареч. или усил. частицы прост.* бисьёр, аз ҳад зиёд; **ну и смеху было,** ~**á!** хуб ханда шуд! ◇ ~**á как** аз ҳад зиёд, бисьёр; ~**á как надоело сидеть здесь** дар ин ҷо нишастан бисьёр ба дил зад; **на** ~**ý** бадбахтона; **на** ~**ý (мою, твою, его** *и т. д.*) ба бадбахтии (ман, ту, вай *ва ғ.*); **на мою** ~**ý я был тогда болен** бадбахтона, ман он вақт касал будам; **недолго и до** ~**ы** фалокат аз таги пой мебарояд; **помочь** ~**é** аз душворӣ халос кардан; дар рузи дармондагӣ дасти ёрӣ дароз кардан; **что за** ~**á!** чӣ аҳамият дорад, ҳеҷ гап не, боке не; **лиха** ~**á начало** *погов.* сари кор сар кафонад; ~**á [никогда] не приходит одна** *посл.* бадбахтӣ аз паси бадбахтӣ

бедлам *м чаще в знач. сказ.* бетартибӣ, дарҳам-барҳамӣ, ҳарҷумарҷ, бесарусомонӣ; **в комнате был полнейший** ~ хона бесару сомон буд

бедне||ть *несов.* камбағал (қашшоқ, муфлис, бенаво, фақир) шудан; камбағалтар шудан // *чем* кам (камбағал) шудан; **озеро** ~**ет рыбой** моҳии кул кам шуда истодааст

бедно *нареч.* камбағалона, қашшоқона, бенавоёна, фақирона; очизона; **комната была обставлена** ~ бисоти хона фақирона буд ◇ **худо-**~ камаш, кам набошад; **худо-**~ **у него свой дом** нағз-мӣ, бад-мӣ, вай сарпаноҳ дорад

бедност||ь *ж* 1. камбағалӣ, муҳтоҷӣ, қашшоқӣ, бенавоӣ, бечорагӣ, фақирӣ; **жить в** ~**и** қашшоқона зиндагонӣ кардан 2. фақирона (қашшоқона, камбағалона) будан(и); ~**ь обстановки** фақирона будани бисоти хона 3. камӣ, очизӣ, сустӣ; ~**ь содержания** каммазмунӣ; ~**ь мысли** очизии фикр; ~**ь языка** кусури баён

беднота *ж* 1. *собир.* камбағалон, фақирон, бенавоён 2. *разг. см.* **бедность**

бедн||ый, -ая, -ое (бед|ен, -на, -но) 1. камбағал(она), қашшоқ(она), бенаво, бечора, мискин, фақир(она); **он был очень беден** у бисьёр камбағал буд; ~**ая обстановка** бисоти фақирона // *в знач. сущ.* **бедный** *м* камбағал, бечора, бенаво, фақир; **богатые и** ~**ые** бою камбағал 2. кам, бефайз, очизона, суст; ~**ая природа** табиати бефайз; ~**ая иллюстрациями книга** китоби камсурат // *чем чаще в знач. сказ.* кам (камбағал) аст; **река** ~**á рыбой** дар дарьё моҳӣ камаст 3. *тк. полн. ф.* мискин, бетолеъ, берӯзӣ, бе-

чора, сарсахт; ~**ая женщина, жаль её** бечора занак, рахми кас меоянд; **на ~ого Макара все шишки валятся (летят)** *погов.* ≈ камбағалро аз болои шутур саг мегазад; ҳар чо ки санг аст, ба пои ланг аст

бедняга *м, ж разг.* бечора, сарсахт, шўрбахт

бедняжка *м, ж ласк. к* бедняга бечораяк, уволак

бедняк *м* 1. бенаво, нодор, қашшоқ, фақир 2. *(маломощный крестьянин)* камбағал, деҳқони бебизоат 3. *уст.* *(бедняга)* бечора, сарсахт, шурбахт

беднядк||ий, -ая, -ое камбағалона, ...и камбағал; ~**ие массы** оммаи камбағалон, камбағалон

беднячка *женск. к* **бедняк** 1, 2

бедовать *несов. обл.* қашшоқона (бенавоёна, камбағалона) зиндагонӣ кардан

бедов||ый, *-ая, -ое разг. шух, бало,* шум, бебок, бади бало; ~**ый мальчишка** бачаи бало ◇ ~**ая голова** *прост.* одами бебок, одами бади бало

бедокур *м разг.* шўх, шум, бало, шумшук

бедокурить *несов. разг.* шўхӣ (шумӣ) кардан, шумшукӣ кардан

бедренн||ый, -ая, -ое ...*и рон*, ...*и* сои; ~**ая кость** *анат.* устухони рон

бедро *с* 1. рон, сон 2. миён; **узкие бёдра** миёни борик; **положить руки на бёдра** даст ба миён гузоштан

бедственн||ый, -ая, -ое бадбахтона, пурмусибат; фалокатбор, танг; ~**ое положение** аҳволи танг

бедстви||е *с* бадбахтӣ, бало, мусибат, офат, фалокат; **стихийное** ~**е** офати табиӣ; **терпеть** ~**я и лишения** гирифтори мусибату маҳрумият будан ◇ **сигнал** ~**я** бонги хатар

бедств||овать *несов.* муҳтоҷӣ (бенавоӣ, тангдастӣ) кашидан; **жить не** ~**уя** муҳтоҷӣ накашида зиндагӣ кардан

бедуин *м* бадавӣ, бодиягард

беж *неизм. прил.* қаҳваранг; **пальто цвета** ~ пальтои қаҳваранг

беж||ать *несов.* 1. давидан, давида рафтан, тохтан; ~**ать вдоль реки** кад-қади дарьё давидан // *разг. (быстро идти)* тез роҳ рафтан, зуд рафтан; **пора** ~**ать на работу** тезтар ба кор рафтан даркор 2. *перен.* тез ҳаракат кардан, зуд гузаштан; **стрелка часов** ~**ит** ақрабаки соат зуд ҳаракат мекунад; **время** ~**ит** вақт тез мегузарад 3. равон (ҷорӣ) шудан, шоридан; **под горой** ~**ала речка** аз камари кух дарьёча мегузашт; **слёзы бегут** из глаз аз чашм ашк мерезад 4. *(при кипении)* дамидан, ҷушидан, рехтан; **молоко** ~**ит** шир дамид (медамад) 5. рафтан; **тропинка** ~**ала к реке** пайраҳа ба тарафи дарьё мерафт 6. гурехтан, фирор кардан, даргурез шудан; **противник** ~**ал** душман гурехт //*от кого-чего и уст. кого-чего* гурехтан, худро дур кашидан, канор гирифтан, ҳазар кардан; ~**ать от шума** худро аз ғавғою мағал дур кашидан

бежевый, -ая, -ое *разг. см.* **беж**

беженец *м* гуреза, фирорӣ; муҳоҷир

беженка *женск. к* **беженец**

без (безо) *предлог с род.* 1. бе; **чайник** ~ **ручки** чойник(и) бедаста; ~ **большого труда** бе машаққат, бе меҳнати зиёд, ба осонӣ; ~ **заботы** бе ташвиш; **человек** ~ **родины** шахси бе ватан (аз ватан маҳрум) 2. *(в отсутствие кого-л.)* дар ғайби..., дар вақти набудани...; ~ **вас приходили гости** дар вақти набудани шумо меҳмонон омада буданд; **скучать** ~ **сына** писарро ёд кардан (пазмон шудан) 3. *(за вычетом чего-л.)* ...кам; **сто рублей** ~ **трёх** се кам сад сўм; ~ **пяти шесть** *(о времени)* панҷ дақиқа кам шаш 4. *в сочет. с сущ. в знач. нареч.:* ~ **устали** монда нашуда; **работать** ~ **устали** монда нашуда кор кардан; **без толку** бефоида, беҳуда; **болтать без толку** беҳуда лаққидан ◇ **не** ~ *чего* бе; бо; **это произошло не** ~ **вашей помощи** ин бо ёрии шумо шудааст; **мы это сделали не** ~ **сожаления** мо ин корро ночор кардем; **не** ~ **того** албатта, бе ин намешавад; ~ **труда не вынешь [и] рыбку из пруда** *посл.* ≈ нобурда ранҷ, ганҷ муяссар намешавад; ~ **хозяина дом сирота** *посл.* ≈ сар не — сомон не; **нет худа** ~ **добра** *посл.* ≈ ҳар зиёнеро суде ҳаст

без- (безъ-, бес-) *приставка* бе- *префиксест, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *набудани ягон чиз* — **безбилетный** бебилет; **бесхарактерный** беирода; **безветрие** бешамолӣ; **беззе-мелье** безаминӣ 2) *ҳолати ноқаноатбахш ё камбидӣ* — **безвкусица** безавқӣ, бесаликагӣ; **безработица** бекорӣ

безаварийн||ый, -ая, -ое беавария, бефалокат; ~**ая работа** кори беавария

безалаберность *ж разг.* бетартибӣ, бесарусомонӣ, дарҳам-бархамӣ, ҳарҷумарҷӣ

безалаберн||ый, -ая, -ое (безалабер|ен, -на, -но) *разг.* бетартиб, бесару сомон, дарҳам-барҳам, ҳарҷумарҷ; ~**ый человек** одами бесомон; ~**ая жизнь** зиндагии бесару сомон

безалаберщина *ж разг.* бетартибӣ, бенизомӣ, бесарусомонӣ, дарҳам-барҳамӣ, ҳарҷумарҷӣ

безалкогольн||ый, -ая, -ое беалкоголь; ~**ые напитки** нушокиҳои беалкоголь

безапелляционно *нареч.* бо қатъият; **он ответил** ~ вай бо қатъият ҷавоб дод

безапелляционность *ж* шикоятнопазирӣ, раднопазирӣ, қатъият

безапелляционн||ый, -ая, -ое (безапелляцион|ен, -на, -но) 1. *юр.* шикоятнопазир(она), эътирознопазир(она), раднопазир(она), қатъӣ; ~**ое решение** қарори қатъи 2. қатъӣ; ~**ый ответ** ҷавоби қатъӣ

безатомн||ый, -ая, -ое беатом, беатомӣ; ~**ая зона** зонаи бе яроқи атомӣ

безбедн||ый, -ая, -ое (безбед|ен, -на, -но) беэҳтиёҷ, бениёз, осудаҳол(она); ~**ая жизнь** ҳаёти осудаҳолона

безбилетник *м разг.* шахси бебилет

безбилетный, -ая, -ое бебилет; ~ **пассажир** мусофири бебилет

безбожие *с* худоношиносӣ, даҳригӣ

безбожник *м* 1. худоношинос, даҳрӣ 2. *уст. бран.* худобехабар, беимон, беҳаё, бедиёнат

безбожн||ый, -ая, -ое 1. *уст.* бедин; худоношинос, даҳрӣ 2. *разг.* бевиҷдон(она), беҳаё(ёна), бешарм(она); ~**ая ложь** дурўғи бешармона

безболезненно *нареч.* бедард, беозор

безболезненность *ж* бедард (беозор) будан(и)

безболезненн||ый, -ая, -ое (безболезнен, -на, -но) 1. бедард, беозор; ~**ая опухоль** варами бедард 2. *перен.* беташвиш, ором(она), бемалол

безбородый, -ая, -ое бериш, куса

безбоязненный, -ая, -ое (безбоязнен, -на, -но) бебок(она), бидуни тарс

безбрачие *с* муҷаррадӣ, безанӣ; бешавҳарӣ

безбрачный, -ая, -ое муҷаррад, безан; бешавҳар

безбрежность *ж* бепоёнӣ, беканорӣ, бепоён (беканор) будан(и), нопайдоканорӣ

безбрежный, -ая, -ое (безбреж|ен, -на, -но) беҳад, бепоён, беканор, нопайдоканор; ~ **океан** уқёнуси бепоён

безбровый, -ая, -ое беабру, бекош, камабру

безверие *с* бединӣ, беэътиқодӣ, беимонӣ, бемазҳабӣ; нобоварӣ

безвестност||ь *ж* номаълумӣ; номашҳурӣ; гумномӣ; **быть в** ~**и** номашҳур будан

безвестный, -ая, -ое (безвест|ен, -на, -но) номаълум, ношинос; гумном; ~ **город** шаҳри номаълум; ~ **учёный** олими номаълум

безветренный, -ая, -ое (безветрен, -на, -но) бешамол; ~ **день** рузи бешамол

безветри||е *с* бешамолӣ; **душно от** ~**я** аз бешамолӣ ҳаво дим аст

безвинность *ж* бегуноҳӣ, беайбӣ; маъсумӣ, покдоманӣ

безвинн||ый, -ая, -ое (безвин|ен, -на, -но) бегуноҳ, беайб; маъсум, покдоман; ~**ое дитя** кўдаки маъсум

безвкусие *с см.* **безвкусица**

безвкусица *ж разг.* безавқӣ, бесаликагӣ; **что за** ~! ин чӣ безавқӣ!, ин чӣ бесаликагӣ!

безвкусный, -ая, -ое (безвкус|ен, -на, -но) 1. бемаза, бетаъм; ~ **огурец** бодиринги бемаза 2. *перен.* безеб, бесалика, бемаза, ношинам; ~ **наряд** либоси безеб

безвластие *с* беҳокимиятӣ

безводн||ый, -ая, -ое (безвод|ен, -на, -но) 1. беоб, камоб; ~**ая пустыня** биёбони беоб 2. *хим.* беоб; ~**ая кислота** кислотаи беоб

безводье *с* беобӣ, камобӣ

безвозбранно *нареч. книжн.* ҷоиз, раво, бемалол

безвозвратно *нареч.* бебозгашт; ~ **прошедшая молодость** айёми бебозгашти ҷавонӣ

безвозвратн||ый, -ая, -ое (безвоз-

вра́т|ен, -на, -но) 1. бебозгашт, бидуни баргашт; ~**ые дни** айёми бебозгашт 2. паснододанӣ; ~**ая ссу́да** карзи паснододанӣ

безвозду́шн||ый, -ая, -ое беҳаво, холи аз ҳаво; ~**ое простра́нство** фазои беҳаво

безвозме́здно *нареч.* бемузд, муфт, бепул, ройгон, беподош, маҷҷонан; ~ **по́льзоваться че́м-л.** чизеро ройгон истифода бурдан

безвозме́здн||ый, -ая, -ое бемузд, муфт, ройгон, беподош, маҷҷонӣ; **переда́ть что́-л. в** ~**ое по́льзование** чизеро бепул (муфт) додан

безво́лие *с* беиродагӣ, сустиродагӣ; **прояви́ть** ~ сустиродагӣ зоҳир кардан

безволо́сый, -ая, -ое бемуй, муйрехта, тос; ~ **стари́к** муйсафеди сараш тос

безво́льный, -ая, -ое (безво|лен, -льна, -льно) беирода, сустирода; беҷуръат; ~ **челове́к** одами беирода

безвре́дность *ж* безарарӣ, безиёнӣ, безарар (безиён) будан(и)

безвре́дн||ый, -ая, -ое (безвре́д|ен, -на, -но) безарар, безиён, беозор; ~**ое лека́рство** доруи безарар

безвре́менность *ж* бемаҳал (нобаҳангом) будан(и)

безвре́менн||ый, -ая, -ое бемаҳал, нобаҳангом; ~**ая кончи́на** марги бемаҳал

безвре́менье *с уст.* рӯзҳои сахт; замони бесомон

безвы́ездно *нареч.* ба ҳеҷ кучо сафар накарда; **он** ~ **жил в го́роде** у ба ҳеҷ кучо сафар накарда дар шаҳр мезист

безвы́ездный, -ая, -ое муқим, беазимат; ба ҳеҷ куҷо сафар накарда

безвы́лазно *нареч. прост.* аз чое берун набаромада; **он** ~ **жил в дере́вне** вай аз деҳа берун набаромада мезист

безвы́ходность *ж* беилочӣ, ноилочӣ, ночорӣ

безвыходн||ый, -ая, -ое (безвыход|ен, -на, -но) беилоч, ноилоч, илочнопазир, ночор; ~**ое положе́ние** вазъияти беилоч

безгла́зый, -ая, -ое бечашм, бедида

безгла́сный, -ая, -ое (безгла́с|ен, -на, -но) *уст.* 1. безабон 2. *книжн.* бесадо, ором(она), хомуш(она) 3. *перен.* забонбаста, забонбурида; ~ **челове́к** одами забонбаста

безголо́в||ый, -ая, -ое (безголов, -а, -о) 1. *тк. полн. ф.* бесар, сарбурида; ~**ая ры́ба** моҳии сарбурида 2. *перен. разг.* бекалла, беақл, каллаварам, каллакаду; **ну́жно быть** ~**ым, что́бы де́лать так** фақат одами беақл ин тавр мекунад 3. *перен. (забывчивый)* парешонхотир, парешонфикр, фаромушхотир, фаромушкор

безголо́сица *ж разг.* бадовоз (сустовоз) шудан(и)

безголо́сый, -ая, -ое беовоз, овоз гумкарда; бадовоз, сустовоз; ~ **певе́ц** ҳофизи бадовоз

безгра́мотност||ь *ж* 1. бесаводӣ; **ликвида́ция** ~**и** маҳви бесаводӣ 2. *перен.* бесаводӣ, нодонӣ, чаҳолат

безгра́мотн||ый, -ая, -ое (безгра́мот|ен, -на, -но) 1. бесавод; ~**ый челове́к** одами бесавод 2. *перен. (невежественный)* нодон, ҷоҳил 3. бесаводона; ғалат, пурхато; ~**ое письмо́** мактуби бесаводона; ~**ый чертёж** нақшаи ғалат

безграни́чность *ж* 1. беҳаддӣ, беканорӣ, бепоёнӣ, беҳад (беканор, бепоён) будан(и) 2. *перен.* бениҳоят (беандоза) будан(и)

безграни́чн||ый, -ая,-ое (безграни́ч|ен, -на, -но) 1. беҳад, беканор, бепоён; ~**ый просто́р океа́на** фазои беканори укьёнус 2. *перен.* бениҳоят, беандоза, фаровон, бепоён; ~**ые возмо́жности** имкониятҳои фаровон; ~**ая пре́данность** садоқати бепоён

безгре́шность *ж* 1. бегуноҳӣ, беайбӣ 2. маъсумӣ, покӣ

безгре́шный, -ая, -ое (безгре́ш|ен, -на, -но) 1. бегуноҳ, беайб; ~ **челове́к** одами бегуноҳ 2. маъсум, пок, соф; ~ **ребёнок** кудаки маъсум

безда́рность *ж* 1. беистеъдодӣ, беқобилиятӣ, беҳунарӣ; сустӣ, оҷизӣ; ~ **произведе́ния** сустии асар 2. *(о человеке)* одами беистеъдод (бекобилият, беҳунар); **он соверше́нная** ~ вай тамоман беҳунар аст

безда́рный, -ая, -ое (безда́р|ен, -на, -но) беистеъдод, бемаҳорат(она), беқобилият, беҳунар(она), суст; ~ **худо́жник** рассоми беистеъдод

бе́здарь *ж прост. см.* **безда́рность** 2

безде́йственн||ый, -ая, -ое (безде́йствен, -на, -но) бекор, беҳаракат, беамал, бефаъолият, беғайрат; ~**ое сиде́ние до́ма** бекор дар хона нишастан(и)

безде́йстви||е *с* беҳаракатӣ, беамалӣ, бефаъолиятӣ, беғайратӣ; **быть в** ~**и** беҳаракат будан, бекор истодан

безде́йствовать *несов.* амал (кор) накардан, бекор-бекор гаштан // беҳаракат (бекор) истодан; **нельзя́ сейча́с** ~ ҳозир бекор-бекор гаштан мумкин нест, ҳозир вақти бекорагардӣ не

безде́йствующ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* беҳаракат истода, бекорхобида; ~**ее обору́дование** таҷҳизоти бекорхобида

безде́лиц||а *ж разг.* 1. *(мелкая вещь)* чизи бекора (беҳуда, камарзиш); **подари́ть** ~**у** чизи бекора ҳадья кардан 2. *(ничтожная сумма)* пули кам, ночиз; **заплати́ть** ~**у** пули ночиз дода харидан 3. *(пустяк)* гапи (кори) андак, якпула чиз (гап); **поссо́риться из-за** ~**ы** аз барои якпула чиз ҷанг кардан

безде́лка *ж уст.* 1. *см.* **безделу́шка**; 2. *см.* **безде́лица** 2

безделу́шк||а *ж* чизи зеби хона, чизи нафиси майда, бозича; **фарфо́ровые** ~**и** маснуоти майдаи чинӣ

безде́ль||е *с* 1. бекорагардӣ, бекорхуҷагӣ, бекорӣ; **вы́нужденное** ~**е** ночор бекорагардӣ; **зева́ть от** ~**я** аз бекорӣ хамъёза кашидан 2. *(забава)* андармонӣ, эрмак, аз бекорӣ кадукорӣ

безде́льник *м разг.* 1. бекорагард, бекорхуҷа, танбал, коҳил 2. *бран.* одами беҳуда, нобакор

безде́льница *женск. к* **безде́льник**

безде́льничанье *с (по знач. гл.* **безде́льничать)** бекорагардӣ, танбалӣ, бекорхуҷагӣ, беҳуда рӯзгузаронӣ

безде́льничать *несов.* бекор гаштан, бекорхӯҷагӣ кардан, кор накарда рӯз гузарондан

безде́льн||ый, -ая, -ое 1. *разг.* бекор, беҳуда, фориғбол(она), бекорагард, бекорхуҷа; ~**ый челове́к** одами бекорагард 2. *уст.* ночиз, камарзиш; ~**ая услу́га** хизмати ночиз

безде́нежн||ый, -ая, -ое 1. *фин.* бепул, бе пули нақд; ~**ые расчёты** ҳисобу китоби бепул 2. бепул, кампул; ~**ый челове́к** одами бепул

безде́нежье *с* бепулӣ, кампулӣ

безде́тность *ж* бефарзандӣ, бебачагӣ

безде́тн||ый, -ая, -ое (безде́т|ен, -на, -но) бефарзанд, бебача, безурьёт; ~**ая же́нщина** зани бебача (безурьёт)

бездефе́ктный, -ая, -ое бенуқс

бездефици́тность *ж эк.* бедефицит будан(и)

бездефици́тный, -ая, -ое (бездефици́т|ен, -на, -но) *эк.* бедефицит; ~ **бюдже́т** буҷети бедефицит

безде́ятельность *ж* бефаъолиятӣ, беғайратӣ, беҳавсалагӣ, бепарвоӣ

безде́ятельн||ый, -ая, -ое (безде́яте|лен, -льна, -льно) бефаъолият, беғайрат, беҳавсала, бепарво; **быть** ~**ым** беғайрат будан

бе́здн||а *ж* 1. партгоҳ, варта; **на краю́** ~**ы** дар лаби партгоҳ 2. қаър, фазои беинтиҳо; ~**а мо́ря** қаъри баҳр 3. *перен.* як олам, беҳадду ҳисоб, лак андар лак; **в го́роде** ~**а цвето́в** дар шаҳр гулу гулзор ҳадду ҳисоб надорад ◇ ~**а премудрости** *шутл.* кони хирад

бездо́ждье *с* бебоpонӣ, бебориши, хушксолӣ, беборон будан(и); **в ию́ле была́ жара́ и** ~ моҳи июль бисьёр гарм ва беборон буд

бездоказа́тельность *ж* беисботӣ, бедалелӣ, далел (бурҳон) надоштан(и)

бездоказа́тельный, -ая, -ое (бездоказа́те|лен, -льна, -льно) беисбот, бедалел, бебурҳон

бездо́лье *с прост. и обл.* бенасибӣ, бадбахтӣ, бетолеӣ, сарсахтӣ

бездо́льный, -ая, -ое (бездо́|лен, -льна, -льно) *прост.* бенасиб, бебаҳра, бадбахт, бетолеъ, сарсахт

бездо́мный, -ая, -ое (бездо́м|ен, -на, -но) 1. *(не имеющий жилища)* бехонумон, бемакон, ломакон, хонабардуш; ~ **стари́к** пирамарди бехонумон 2. *(не имеющий семьи)* беоила, беаҳлу аёл, бекасу куй

бездо́нн||ый, -ая, -ое 1. бетаг, беқаър 2. *перен (глубокий)* бисьёр чуқур (амиқ), бетаг; ~**ая про́пасть** чуқурии бетаг 3. *перен.* беҳад, бепоён; ~**ое не́бо** осмони беҳадду канор ◇ ~**ая бо́чка** *шутл.* чоҳи бетаг *(касе, ки бисьёр май менушаду маст намешавад; коре ё чизе, ки харочоти бисьёри бефоида талаб мекунад)*

бездоро́жн||ый, -ая, -ое бероҳ; ~**ая ме́стность** маҳалли бероҳ

бездорожь||е *с* 1. бероҳӣ, набудани роҳ; **ехать по ~ю** аз бероҳӣ рафтан 2. *(распутица)* бероҳагӣ, вайронии роҳ, мушкилгузарӣ; **весеннее ~е** бероҳагиҳои баҳорон

бездоходн||ый, -ая, -ое (бездоход|ен, -на, -но) бедаромад, бесуд, бефоида; **~ое предприятие** корхонаи бедаромад

бездумно *нареч.* бефикрона, бепарвоёна, лоуболона

бездумный, -ая, -ое бефикр, беандеша, лоубол(она), бепарво(ёна)

бездумье *с* сабукфикрӣ, беандешагӣ

бездушие *с* сангдилӣ, сахтдилӣ, бераҳмӣ, бешафқатӣ; **проявить ~** сангдилӣ кардан

бездушность *ж* сангдилӣ, сахтдилӣ, бераҳмӣ

бездушн||ый, -ая, -ое (бездуш|ен, -на, -но) 1. *уст.* беҷон, берух, мурда; беҳис; **~ое тело** ҷисми беҷон 2. сангдил, бераҳм, бешафқат, бепарво(ёна); **~ое отношение** муносибати бепарвоёна 3. бетаъсир; **~ая игра актёров** бозии бетаъсири актёрҳо

бездымн||ый, -ая, -ое бедуд; **~ый порох** борути бедуд; **~ое горение** сузиши бедуд

бездыханн||ый, -ая, -ое (бездыхан|ен, -на, -но) бенафас, бедам, беҷон, мурда; **~ое тело** ҷисми беҷон // *(затаивший дыхание)* бедаму нафас

безе *с нескл. кул.* безе *(кулчаи қандини тухмин)*

безжалостно *нареч.* бераҳмона, сангдилона

безжалостность *ж* бераҳмӣ, сангдилӣ, беамонӣ

безжалостный, -ая, -ое (безжалост|ен, -на, -но) бераҳм(она), сангдил(она), беамон; **~ человек** одами сангдил

безжизненность *ж* беҷонӣ, беруҳӣ, карахтӣ

безжизненн||ый, -ая, -ое (безжизнен, -на, -но) 1. беҷон, берух, мурда; **~ое тело** ҷисми беҷон 2. берух, карахт, беҳаракат, мурдадил; **~ый взгляд** нигоҳи берух

беззаботно *нареч.* бепарвоёна, беғамона, фориғболона, лоуболона; **~ проводить время** беғамона вақт (руз) гузарондан

беззаботность *ж* бепарвоӣ, беғамӣ, фориғболӣ, лоуболӣ; **детская ~** фориғболии бачагона

беззаботн||ый, -ая, -ое (беззабот|ен, -на, -но) бепарво(ёна), беғам(она), фориғбол(она), лоубол(она); **~ый человек** одами бепарво; **~ая жизнь** зиндагии беғамона

беззаветно *нареч.* фидокорона, содиқона, ҷонсупорона, бедареғ, бепоён; **~ служить народу** ба халқ фидокорона хизмат кардан

беззаветность *ж* фидокорӣ, содиқ будан(и), ҷонсупорӣ

беззаветн||ый, -ая, -ое фидокор(она), ҷоннисор, ҷонсупор, бедареғ; беҳад, бепоён; **~ая любовь к Родине** муҳаббати бепоён ба Ватан

беззакони||е *с* 1. қонунвайронкунӣ, бенизомӣ; **борьба с ~ем** мубориза бар зидди қонунвайронкунӣ 2. *(поступок)* рафтори ғайриқонунӣ; **творить ~я** рафторҳои ғайриқонунӣ кардан

беззаконник *м уст. и прост.* вайронкунандаи қонун, бедодгар

беззаконничать *несов. разг.* қонунро вайрон кардан, бедодгарӣ кардан

беззаконность *ж* қонунвайронкунӣ

беззаконн||ый, -ая, -ое (беззакон|ен, -на, -но) ғайриқонунӣ, аз қонун берун; **~ые действия** кирдори ғайриқонунӣ

беззастенчивость *ж* беҳаёӣ, бешармӣ, беорӣ, густохӣ, беибоӣ; **вести себя с ~ю** беҳаёӣ кардан

беззастенчив||ый, -ая, -ое (беззастенчив, -а, -о) беҳаё(ёна), бешарм(она), беор, густох(она), беибо, беномус(она); **~ый человек** одами беҳаё; **~ая ложь** дуруғи маҳз

беззащитность *ж* бепаноҳӣ, бепуштупаноҳӣ, беимдодӣ, беҳомӣ будан(и)

беззащитный, -ая, -ое (беззащит|ен, -на, -но) бепаноҳ, бепушту паноҳ, беҳимоя, беимдод; **~ ребёнок** бачаи бепаноҳ

беззвёздн||ый, -ая, -ое беситора; **~ая ночь** шаби беситора

беззвучность *ж* беовозӣ, бесадоӣ, овоз надоштан(и)

беззвучный, -ая, -ое (беззвуч|ен, -на, -но) беовоз, бесадо; **~ смех** хандаи беовоз

беземелье *с* безаминӣ, камзаминӣ

безземельный, -ая, -ое безамин; **~ крестьянин** деҳқони безамин

беззлобие *с* бекинагӣ, беғаразӣ

беззлобность *ж см.* **беззлобие**

беззлобн||ый, -ая, -ое (беззлоб|ен, -на, -но) бекина, беғараз(она); **~ая шутка** ҳазли беғаразона; **~ый человек** одами бекина

беззубки *мн. (ед.* **беззубка** *ж)* бедандонҳо *(гуруҳи моллюскҳои дарьёӣ)*

беззуб||ый, -ая, -ое 1. бедандон; **~ый старик** пирамарди бедандон 2. *перен.* нотавон, суст, кунд, бетаъсир; **~ая критика** танқиди бетаъсир

безлесн||ый, -ая, -ое (безлес|ен, -на, -но) бебеша, беҷангал, бедарахт, бедолу дарахт, камдарахт; **превращение ~ых пустынь в цветущий край** ба бустон табдил додани биёбонҳои бедолу дарахт

безлесье *с* бедарахтӣ, камдарахтӣ

безликий, -ая, -ое беқиёфа, бесимо; **~ поэт** шоири бесимо

безликость *ж см.* **безличность**

безлиственный, -ая, -ое бебарг, ...и дарахти бебарг; **~ лес** ҷангали дарахтҳои бебарг

безлистный, безлистый, -ая, -ое *см.* **безлиственный**

безличие *с* бешахсиятӣ, бехусусиятӣ, номустақилӣ

безличность *ж* бешахсиятӣ, бехусусиятӣ, симои ба худ хос надоштан(и)

безличн||ый, -ая, -ое (безлич|ен, -на, -но) бешахс, бешахсият, бехусусият, бесимо ◇ **~ый глагол** *грам.* феъли бешахс; **~ое предложение** *грам.* ҷумлаи бемубтадо

безлуние *с* бемаҳтобӣ

безлунн||ый, -ая, -ое бемоҳ, бемаҳтоб, торик; **~ая ночь** шаби бемаҳтоб

безлюдно *нареч. в знач. сказ.* беодам, камодам; хилват; **на улицах было ~** кӯчаҳо хилват буданд

безлюдн||ый, -ая, -ое (безлюд|ен, -на, -но) беодам, камодам, камаҳолӣ; хилват; **~ая местность** ҷои беодам; **бродить по ~ым улицам** дар кӯчаҳои хилват гаштан ◇ **~ый фонд** *фин.* фонди бешахс *(маблағе, ки ба коркунони ғайриштатӣ дода мешавад)*

безлюдье *с* беодамӣ, бекасӣ; **поздно вечером на улицах было полнейшее ~** бевақтии шаб дар кучаҳо ҳеҷ кас набуд

безмен *м* тарозуи фашангдор, тарозуи дастӣ

безмерно *нареч.* беандоза, беҳад, бепоён, бениҳоят, бағоят, хеле; **я ~ счастлив** ман бениҳоят хушбахтам; **он ~ устал** у хеле монда шудааст

безмерность *ж* беандоза (беҳад) будан(и), интиҳо надоштан(и)

безмерн||ый, -ая, -ое (безмер|ен, -на, -но) беандоза, беҳад, бепоён, бениҳоят; **~ое горе** мусибати сахт

безмозглость *ж разг.* бемийягӣ, бемағзӣ, беақлӣ, аҳмақӣ

безмозглый, -ая, -ое *разг.* бемийя, бемағз, беақл, аҳмақ

безмолвие *с* хомушӣ, оромӣ, сукунат, сукут; **он первый нарушил ~** аз ҳама пеш у хомуширо вайрон кард; **вокруг царило ~** дар атроф сукунат ҳукмфармо буд

безмолвн||ый, -ая, -ое (безмолв|ен, -на, -но) хомуш(она), ором(она), сокит(она); **~ый свидетель** гувоҳи сокит; **~ое согласие** ризояти бечуну чаро; **ночь была тиха и ~а** шаб ором ва сокит буд ◇ **~ая роль** *театр.* роли бесухан

безмолвствова||ть *несов.* хомӯш будан, овоз набаровардан, сукут кардан, лаб (дам) фуру бастан; **актёр увлёк зрителей, зал ~л** актёр тамошобинонро мафтун кард, аҳли зал дам фуру баста буданд

безмужняя, -ее *прост.* бешавҳар; бева

безмятежность *ж* оромӣ, оромиш, осудагӣ, тинҷӣ, фориғболӣ

безмятежн||ый, -ая, -ое (безмятеж|ен, -на, -но) ором, осуда, тинҷ, фориғбол; **спать ~ым сном** ором (осуда) хобидан

безнадёжность *ж* ноумедӣ, маъюсӣ; чоранопазирӣ

безнадёжн||ый, -ая, -ое (безнадёж|ен, -на, -но) ноумед(она), маъюс(она); беилоҷ, лоилоҷ, чоранопазир; бефоида, бенатиҷа; **~ый больной** бемори лоилоҷ; **~ое дело** кори бефоида

безнадзорность *ж* беназоратӣ, бепарастор (бенигоҳубин) будан(и)

безнадзорный, -ая, -ое беназорат, бепарастор, бенигоҳубин, бесарпараст; **~ ребёнок** кӯдаки бепарастор

безнаказанность *ж* беҷазоӣ, беҷазо мондан(и), худсарии беҷазо

безнака́занн||ый, -ая, -ое (безнака́зан, -на, -но) беҷазо, бесазо, бетанбеҳ, ҷазонадида; **~ый посту́пок** кирдори ҷазонадида; **это не должно́ оста́ться ~ым** ин набояд бетанбеҳ монад

безнали́чный, -ая, -ое *фин.* бе пули нақд(а), ғайринақдӣ; **~ расчёт** ҳисоби ғайринақдӣ

безнача́лие *с* бесарӣ, бесардорӣ, худсарӣ

безно́г||ий, -ая, -ое 1. бепо, чӯлоқ *(дар бораи одам ва ҳайвонот)*; **~ая соба́ка** саги бепо 2. бепоя *(дар бораи чизи беҷон)*; **~ий стол** мизи бепоя

безно́сый, -ая, -ое 1. бебинӣ, пучуқ *(дар бораи одам ва ҳайвонот)* 2. бенул, беҷумак *(дар бораи чизи беҷон)*; **~ ча́йник** чойники беҷумак

безнра́вственность *ж* бадахлоқӣ, фосиқӣ, бадахлоқ (фосиқ) будан(и); фисқ, фаҳш

безнра́вственный, -ая, -ое (безнравствен, -на, -но) бадахлоқ(она), фосиқ(она); **~ челове́к** одами бадахлоқ; **~ посту́пок** кирдори фосиқона

безо *предлог с род.* бе *(ба ҷои «без» пеш аз баъзе шаклҳои калимаҳои «весь» ва «всякий» кор фармуда мешавад)*; **~ вся́ких разгово́ров** бе ҳеҷ қилуқол, бечуну чаро; **~ вся́кой нужды́** бе ҳеҷ зарурат; **~ всего́** бе ҳеҷ гап; беқилуқол; *см.* без

безоби́дность *ж* беозорӣ, безарарӣ, беозор (безарар) будан(и); ҳалимӣ, ҳалим будан(и)

безоби́дн||ый, -ая, -ое (безоби́д|ен, -на, -но) беозор, безарар; ҳалим; **~ый челове́к** одами ҳалим; **~ая шу́тка** ҳазли беозор; **~ое живо́тное** ҳайвони безарар

безо́блачность *ж* 1. беабр (соф) будан(и), беғуборӣ 2. *перен.* беғуборӣ, бекудурат (беолоиш) будан(и)

безо́блачн||ый, -ая, -ое (безоблач|ен, -на, -но) 1. беабр, беғубор, соф; **~ое не́бо** осмони беабр 2. *перен.* беғубор, бекудурат, беолоиш; хушбахт(она); **~ое де́тство** кудакии хушбахтона; **~ое сча́стье** бахти беолоиш

безобра́зие *с* 1. *(уродство)* қабоҳат, зиштӣ, бадафтӣ, баднамоӣ, баднамудӣ, бадшаклӣ 2. *(поступок)* бадкирдорӣ, бетартибӣ, расвоӣ 3. *в знач. сказ.* бетартибист, расвоист; **како́е ~!** ин чӣ бетартибист!

безобра́зи||ть *несов.* 1. *кого-что* бадафт (баднамо, бадшакл) кардан, хунук кардан; **это пла́тье ~т тебя** ин курта туро баднамо мекунад 2. *прост. см.* безобра́зничать

безобра́зник *м разг.* бадкирдор, шурапушт, авбош

безобра́зница *женск. к* **безобра́зник**

безобра́зничать *несов. разг.* бадкирдорӣ (авбошӣ) кардан, расвоӣ кардан

безобра́зность *ж* 1. зиштӣ, бадафтӣ, баднамоӣ, бадшаклӣ, зишт (бадафт, баднамо) будан(и) 2. қабоҳат, расвоӣ

безо́бразный, -ая, -ое *лит.* беобразӣ, бе образи шоирона, беобуранг

безобра́зн||ый, -ая, -ое (безобра́з|ен, -на, -но) 1. *(уродливый)* зишт, бадафт, баднамо, баднамуд, хунук, бадшакл; **~ый вид** афти хунук 2. *(возмутительный)* қабеҳ, расво; **~ое поведе́ние** рафтори қабеҳ

безогля́дн||ый, -ая, -ое *уст.* 1. бепоён, нопайдоканор, беҳадду канор, бекарон; **~ое простра́нство** фазои беҳадду канор 2. фидокорона; **~ая хра́брость** далерии фидокорона

безогово́рочно *нареч.* бегуфтугӯ, бечуну чаро, беқайду шарт; **~ согласи́ться** бечуну чаро розӣ шудан

безогово́рочность *ж* бечуну чаро будан(и), беқайду шарт; будан(и)

безогово́рочн||ый, -ая, -ое бегуфтугу, бечуну чаро, беқайду шарт; **~ая капитуля́ция** таслими бечуну чаро

безопа́сно *в знач. сказ.* бехавф, бехатар; **движе́ние здесь ~** дар ин ҷо рафтуомад бехавф аст

безопа́сност||ь *ж* бехатарӣ, амният, бехатар (бехавф) будан(и); **междунаро́дная ~ь** амнияти байналхалқӣ; **~ь движе́ния** бехатарии рафтуомад ◇ **те́хника ~н** техникаи бехатарӣ

безопа́сн||ый, -ая, -ое (безопас|ен, -на, -но) 1. бехатар, бехавф, эмин; **укры́ться в ~ом ме́сте** дар ҷои бехатар пинҳон шудан 2. безарар, бехатар; **~ое сре́дство** доруи безарар; **~ая бри́тва** риштарошак

безору́жн||ый, -ая, -ое (безору́ж|ен, -на, -но) 1. беярок, беаслиҳа, бесилоҳ; **~ая толпа** издиҳоми беярок 2. *перен.* оҷиз, нотавон; **в э́том спо́ре он был ~ым** у дар ин баҳсу мунозира оҷиз буд

безоснова́тельн||ый, -ая, -ое (безоснова́те|лен, -льна, -льно) беасос; **~ое сужде́ние** мулоҳизаи беасос

безостано́вочн||ый, -ая, -ое беист, бетаваққуф; пайваста, бефосила, муттасил; **~ым пото́ком шли коло́нны демонстрантов** фавҷи намоишчиён чун селоб беист ҳаракат мекард; **~ое движе́ние** ҳаракати муттасил

безо́ст||ый, -ая, -ое бесук, беқилтиқ; **~ая пшени́ца** гандуми бесук

безотве́тн||ый, -ая, -ое (безотве́т|ен, -на, -но) 1. беҷавоб, бепосух; **письмо оста́лось ~ым** мактуб беҷавоб монд 2. безабон, фармонбардор; фурутан, ҳалим; **~ый челове́к** одами фурутан

безотве́тственность *ж* бемасъулиятӣ, масъулиятношиносӣ; **~ посту́пка** бемасъулият будани рафтор

безотве́тственн||ый, -ая, -ое (безотве́тствен, -на, -но) бемасъулият(она), номасъул, ғайримасъул, масъулиятношинос; **~ое лицо́** шахси масъулиятношинос; **~ое заявле́ние** изҳороти бемасъулиятона

безотвязн||ый, -ая, -ое *разг.* дурнашаванда; дилбазан, таъқибкунанда; **~ая ду́ма** фикри таъқибкунанда

безотка́зн||ый, -ая, -ое (безотка́з|ен, -на, -но) беист, бетаваққуф, бешикаст; **~ая рабо́та мото́ра** кори беисти мотор

безотлага́тельн||ый, -ая, -ое бетаъхир, таъхирнопазир, фаврӣ; **приня́ть ~ые ме́ры** чораҳои фаврӣ дидан

безотлу́чно *нареч.* доиман, доимо, ба ҳеҷ ҷо нарафта, наҷунбида; **~ быть до́ма** наҷунбида дар хона нишастан

безотлу́чный, -ая, -ое (безотлу́ч|ен, -на, -но) доимӣ; ба ҳеҷ ҷо нараванда, аз ҷо наҷунбанда

безотноси́тельно *нареч. в сочет. с предлогом «к»* қатъи назар аз ..., ба... нигоҳ накарда; **~ к объёму чего́-л.** қатъи назар аз ҳаҷми чизе

безотноси́тельн||ый, -ая, -ое (безотноси́те|лен, -льна, -льно) мутлақ(ан), мустақил(она); **~ое сужде́ние** мулоҳизаи мустақилона

безотра́дность *ж* ғамангезӣ, ҳузноварӣ, ғамангез (ҳузновар) будан(и)

безотра́дн||ый, -ая, -ое (безотрад|ен, -на, -но) ношод, ғамангез, ҳузновар; **~ая карти́на** манзараи ғамангез

безотры́вн||ый, -ая, -ое якзайл, бетанаффус; муттасил, бефосила; **~ая аспиранту́ра** *разг.* аспирантураи бефосила *(аспирантурае, ки дар он аспирант ҳам мехонад, ҳам дар ҷое кор мекунад)*

безотхо́дн||ый, -ая, -ое бепартов, бепасмонда; **~ое произво́дство** истеҳсолоти бепартов

безотцо́вщина *ж прост. и обл.* 1. бепадарӣ; бепарасторӣ 2. ятим, бепадар

безотчётно *нареч.* бешуурона, беихтиёрона

безотчётность *ж* 1. *(бесконтрольность)* беназоратӣ, беназорат (бе ҳисобу китоб) будан(и) 2. *(бессознательность)* бесабаб (беихтиёрона) будан(и)

безотчётн||ый, -ая, -ое (безотчёт|ен, -на, -но) 1. беҳисобу китоб, беҳисобот; **~ая су́мма де́нег** пули беҳисобу китоб; **~ое веде́ние хозя́йства** хоҷагидории беҳисобот 2. бесабаб, бешуур(она), беихтиёрона; **~ый страх** тарси бесабаб; **~ое движе́ние руки́** ҳаракати беихтиёронаи даст

безоши́бочность *ж* бесаҳвӣ, беғалатӣ, саҳеҳӣ, бехато будан(и); **~ сужде́ний** саҳеҳии мулоҳиза

безоши́бочн||ый, -ая, -ое (безоши́бочен, -на, -но) бехато, бесаҳв, беғалат; **~ый расчёт** 1) ҳисоби бехато 2) *перен.* нияти дуруст; **~ое чутьё ма́тери** дили ҳассоси модар

безрабо́тица *ж* бекорӣ

безрабо́тный, -ая, -ое *и в знач. сущ.* **безрабо́тный** *м*, **безрабо́тная** *ж* бекор

безра́достность *ж* ғамгинӣ, ҳузнангезӣ, андуҳоварӣ

безра́достн||ый, -ая, -ое (безра́дост|ен, -на, -но) бенишот, ғамангез(она), ҳузновар; **~ая жизнь** зиндагии бенишот

безразде́льн||ый, -ая, -ое (безразде́|лен, -льна, -льно) тақсимнашаванда, тақсимнопазир, тақсимношуданӣ; том, комил; **~ое госпо́дство** ҳукмронии том

безразли́чие *с* бепарвоӣ, беэътиноӣ, дилхунукӣ; **относи́ться с ~м к чему́-л.** ба чизе (бакоре) бепарвоёна муносибат кардан; **им овладе́ло ~** у дилхунук шуд

безразлично 1. *нареч.* бепарвоёна, беэътиноёна; **относиться к чему-л.** ~ ба коре бепарвоёна муносибат кардан 2. *в знач. сказ.* фарқ надорад, ҳеҷ тафовут надорад, аҳамият надорад; **мне** ~ барои ман фарқ надорад; ~, **кто (что)... касе (чизе) ки бошад...,** фарқ надорад

безразличн||ый, -ая, -ое (безразличен, -на, -но) 1. бепарво(ёна), беэътино(ёна), лоқайд(она); ~**ое выражение лица** киёфаи бепарвоёна; ~**ое отношение к чему-л.** нисбат ба чизе (коре) бепарво будан 2. *для кого, кому* беаҳамият, бетафовут, бефарқ

безразмерн||ый, -ая, -ое беандоза, ёзанда; ~**ые чулки** ҷуроби беандоза

безрассветный, -ая, -ое 1. бесаҳар, бесубҳ, бепоён, дароз *(дар бораи шаб)*; ~ **мрак** зулмат 2. *перен. уст.* ноумедона; тираву тор

безрассудно 1. *нареч.* беақлона, беандеша, беэҳтиётона, лоуболона; **ты поступил** ~ ту беақлона рафтор кардӣ 2. *в знач. сказ.* беақлона (беандешагӣ, беэҳтиётӣ) аст; **это** ~ ин беандешагист

безрассудность *ж см.* **безрассудство**

безрассудный, -ая, -ое (безрассуден, -на, -но) беақлона, беандеша, бемулоҳиза, бепарво(ёна), беэҳтиёт, лоубол(она); ~ **поступок** кирдори беақлона; ~ **человек** одами беандеша

безрассудство *с* 1. беақлӣ, беандешагӣ, бемулоҳизагӣ, бепарвой, беэҳтиётӣ, лоуболӣ 2. рафтори беақлона, девонагӣ; **что за** ~! ин чи девонагист!

безрасчётн||ый, -ая, -ое беҳисоб, исрофкорона; ~**ая трата денег** беҳисоб харҷ кардани пул

безрезультатно *нареч.* бенатиҷа, беоқибат

безрезультатность *ж* бенатиҷагӣ, беоқибат (бенатиҷа, бемуваффақият) будан(и); ~ **поисков** бенатиҷа будани кофтуков

безрезультатный, -ая, -ое (безрезультатен, -на, -но) бенатиҷа, бемуваффақият, беоқибат; ~ **опыт** таҷрибаи беоқибат

безрельсовый, -ая, -ое берельс, бе роҳи оҳан; ~ **транспорт** наклиёти берельс

безремонтный, -ая, -ое бетаъмир, бешикасту рехт, беремонт; ~ **пробег машины** гашти бетаъмири мошин

безрессорн||ый, -ая, -ое берессор; ~**ая тележка** аробачаи берессор

безрог||ий, -ая, -ое бешох, кал; ~**ая корова** гови бешох, калгов

безродный, -ая, -ое (безроден, -на, -но) 1. ятим, бепадару модар, бехешу табор, бекасу куй, беаслу насаб; ~ **сирота** ятими бекасу куй 2. *уст. (неродовитый)* ноасл, ночинс

безропотно *нареч.* сархам(она) мутеъона; ~ **подчиниться** сархамона итоат кардан

безропотность *ж* сархамӣ, мутеӣ, ҳалимӣ

безропотн||ый, -ая, -ое (безропотен, -на, -но) сархам, бечуну чаро, мутеъ(она), ҳалим(она); ~**ое подчинение** итоати бечуну чаро; ~**ый человек** одами сархам

безрукавка *ж разг.* камзулчаи беостин, либоси беостин; **кожаная** ~ камзулчаи чармини беостин

безрукавный, -ая, -ое беостин

безрукий, -ая, -ое 1. бедаст, якдаста; ~ **человек** одами якдаста 2. *перен. разг.* иоуҳдабаро, бедаступо, нунок, мачал

безрыбица *ж см.* **безрыбье**

безрыбье *с* бемоҳигӣ, набудани моҳӣ, камни моҳӣ; **на** ~ **и рак рыба** *посл.* аз беамакӣ хара амак — аз бенамакӣ санга намак

безубыточность *ж* безарарӣ, безиёнӣ

безубыточн||ый, -ая, -ое (безубыточен, -на, -но) безарар, безиён; ~**ое производство** истеҳсоли безиён

безударн||ый, -ая, -ое *лингв.* безада; ~**ые гласные** садонокҳои безада; ~**ый слог** ҳиҷои безада

безудержн||ый, -ая, -ое (безудержен, -на, -но) бознадоштанӣ, беист, бенухта; ~**ое веселье** базми осмонкаф; ~**ый смех** хандаи беист

безукоризненно *нареч.* беайб, бе айбу иллат, бенуксон, бисьёр хуб; **он ведёт себя** ~ рафтораш бисьёр хуб аст

безукоризненность *ж* беайбӣ, бенуқсони, беайб (бенуқсон) будан(и)

безукоризненн||ый, -ая, -ое (безукоризнен, -на, -но) беайб, беиллат, бенуқсон, бисьёр хуб, писандида, аъло; ~**ая работа** кори аъло; ~**ое поведение** рафтори писандида

безумец *м* 1. *уст.* девона, чиннӣ, шайдоӣ 2. одами беақл (беандеша, бемулоҳиза)

безуми||е *с* 1. девонагӣ, чиннигӣ чунун; **припадок** ~**я** хуруҷи девонагӣ 2. беақлӣ, беандешагӣ ◇ **до** ~**я** беҳад, аз ҳад зиёд; **он любит театр до** ~ у театрро аз ҳад зиёд дуст медорад

безумно *нареч.* аз ҳад зиёд, аз ҳад берун, беандоза

безумн||ый, -ая, -ое (безумен, -на, -но) 1. *прил. и в знач. сущ.* **безумный** *м,* **безумная** *ж уст.* девона, чиннӣ, маҷнун 2. девонавор, маҷнунвор; ~**ый взгляд** нигоҳи девонавор; ~**ый план** нақшаи беақлона 3. *разг.* аз ҳад зиёд, аз ҳад берун, беҳад, беандоза; ~**ая радость** хурсандии беҳад; ~**ая любовь** ишқи маҷнунона

безумолчно *нареч.* хомуш нашуда, қарор (дам) нагирифта, сукут накарда

безумолчный, -ая, -ое хомушнашаванда, муттасил, доимӣ *(оид ба овоз)*; ~ **шум моря** шавшуви доимии баҳр

безумство *с см.* **безумие**

безумствовать *несов.* беақлӣ (беандешагӣ, девонагӣ, чиннигӣ) кардан

безупречность *ж* беайб (бенуқсон, беиллат) будан(и); ~ **поведения** бенуқсон будани рафтор

безупречн||ый, -ая, -ое (безупречен, -на, -но) беайб, бенуқсон, беиллат; ~**ое поведение** рафтори бенуқсон; ~**ая работа** кори бенуқсон

безусловно 1. *нареч.* мутлақо, бегуфтугӯ, бечуну чаро; **принять** ~ бегуфтугу қабул кардан *(дар бораи таклиф, фикр ва ғ.)* 2. *в знач. вводн. сл.* бешубҳа, бешак, ҳатман, яқинан; **он,** ~, **приедет** вай, яқинан, меояд; ~, **ты прав** бешубҳа, ҳақ ба ҷониби туст

безусловн||ый, -ая, -ое (безусловен, -на, -но) бешак, бешубҳа, қатъӣ, бечуну чаро; ~**ое подчинение** итоати бечуну чаро; ~**ая договорённость** созиши қатъӣ ◇ ~**ый рефлекс** рефлекси ғайришартӣ

безуспешность *ж* бенатиҷа (бемуваффақият) будан(и); ~ **испытаний** бенатиҷа будани озмоиш

безуспешн||ый, -ая, -ое (безуспешен, -на, -но) бенатиҷа, бемуваффақият; ~**ая попытка** кушиши бенатиҷа; ~**ые поиски** кофтукови бемуваффақият

безустанный, -ая, -ое *уст.* мондананашаванда, муттасил

безусый, -ая, -ое 1. бемуйлаб, бебурут 2. *перен.* навхат, наврас; бетаҷриба, хом; ~ **мальчишка** бачаи хом

безутешн||ый, -ая, -ое (безутешен, -на, -но) тасаллонопазир, таскиннаёбанда; ~**ое горе** андуҳи тасаллонопазир

безухий, -ая, -ое бегӯш, гушбурида

безучастие *с* бепарвоӣ, беэътиноӣ, беҳавасӣ, канорагирӣ; **проявлять** ~ **к кому-л.** нисбат ба касе беэътиноӣ кардан

безучастность *ж см.* **безучастие**

безучастн||ый, -ая, -ое (безучастен, -на, -но) бепарво(ёна), беэътино(ёна) беҳавас, канорагир(она); ~**ое отношение** муносибати бепарвоёна; **остаться** ~**ым** канорагир шуда мондан; ~**ый взгляд** нигоҳи бепарвоёна

безъ- *приставка (ба ҷои «без-» пеш аз садонокҳои ётбарсар «е», «ю», «я» меояд):* **безъязычный** безабон; *см.* **без-**

безъядерн||ый, -ая, -ое беядро, холӣ аз яроқи ядроӣ; ~**ая зона** минтақаи холӣ аз яроқи ядроӣ

безъязыкий, безъязычный, -ая, -ое безабон, лол, гунг

безыдейность *ж* беидеягӣ, бемаслакӣ, идея (ғоя) надоштан(и); **борьба с** ~**ю** мубориза ба муқобили беидеягӣ

безыдейн||ый, -ая, -ое (безыдеен, -йна, -йно) беидея, беғоя, бемаслак; ~**ая пьеса** пьесаи беғоя

безызвестность *ж* номаълумӣ, номашҳурӣ, гумномӣ, беному нишон будан(и)

безызвестный, -ая, -ое (безызвестен, -на, -но) номаълум, номашҳур, гумном, беному нишон; ~ **художник** рассоми гумном

безымённ||ый, безымянн||ый, -ая, -ое 1. беном, белақаб, маҷҳул; ~**ая река** наҳри беном 2. беимзо, бемуаллиф, муаллифаш номаълум; ~**ое произведение** асари муаллифаш номаълум ◇ **безымянный палец** ангушти беном *(бунсур)*

безынициативность *ж* беташаббусӣ, набудани ташаббус

безынициати́вный, -ая, -ое (безынициати́в|ен, -на, -но) беташаббус; ~ **рабо́тник** корманди беташаббус

безынтере́сный, -ая, -ое (безынтере́с|ен, -на, -но) *уст.* дилбазан, бемароқ, безавқ

безыску́сный, -ая, -ое (безыску́с|ен, -на, -но) бепардоз, содда, бекарруфар, табиӣ; ~ **расска́з** ҳикояи оддӣ

безыску́сственность *ж* табиӣ (содда) будан(и)

безыску́сственный, -ая, -ое (безыску́сствен, -на, -но) табиӣ, муқаррарӣ, содда; ~ **язы́к** забони муқаррарӣ

безысхо́дность *ж* беилоҷӣ, ноилоҷӣ, бедармон будан(и)

безысхо́дн||ый, -ая, -ое (безысхо́д|ен, -на, -но) бепоён; бедармон, беилоҷ, ноилоҷ; ~**ая тоска́** ғуссаи бепоён

бей *м* бек, бий

бе́йк||а *ж* щероза, лаблула, мағзӣ, зеҳ; **наши́ть** ~**у** мағзӣ духтан

бейсбо́л *м спорт.* бейсбол (*навъи туббозӣ*)

бейт *м лит.* байт

бек I *м* бек, бег

бек II *м уст. спорт.* бек (*ҳимоятгар дар дастаи футболбозон*)

бека́р *м муз.* бекар (*аломати нотаи мусиқӣ, ки таъсири диез ё бемоли оҳанги пештараро рафъ мекунад*)

бека́с *м* абьё, мурғи лойхурак

бекаси́нник *м охот.* сочма

бекаси́ный, -ая, -ое ...и абьё, ...и лойхурак

беке́ша *ж уст.* пустинча

бекме́с *м* шиннӣ, шириннӣ

беко́н *м* бекон (*гӯшти камнамаки ба таври махсус дуддодашудаи хук*)

беко́нный, -ая, -ое ...и бекон

бел *м физ.* бел (*воҳиди ченаки қувваи овоз*)

белен||а́ *ж бот.* базрулбанҷ, шохдона ◇ ~**ы объе́лся** *груб. прост.* ақлашро хӯрдааст, девона шудааст

белёный, -ая, -ое сафед кардашуда, шустагаришуда

белёсый, -ая, -ое сафедтоб, сафедфом

беле́||ть *несов.* 1. (*становиться белым*) сафед шудан; **ко́жа постепе́нно** ~**ет** пусти бадан оҳиста-оҳиста сафед мешавад 2. (*виднеться — о белом*) сафед тофтан; **вдали́ что́-то** ~**ло** аз дур чизе сафед метофт

беле́ться *несов. см.* **беле́ть** 2

белиберда́ *ж разг.* ҳарза, сафсата, ёва

белизн||а́ *ж* сафедӣ, баёз; ~**а́ сне́га** сафедии барф; ~**а́ ко́жи** сафедии пуст; **сте́ны домо́в сия́ли свое́й** ~**ой** девори хонаҳо сап-сафед метофтанд

бели́ла *тк. мн.* 1. ранги сафед; **свинцо́вые** ~ ранги сафеди сурбӣ 2. (*в косметике*) сафедӣ, сафедоб

бели́льный, -ая, -ое ...и шустагарӣ, ...и ранги сафед; ~ **раство́р** маҳлули шустагарӣ

бели́льня *ж* корхонаи шустагарӣ

бели́ть *несов. что* 1. сафед (сафедкорӣ) кардан; ~ **сте́ны** деворҳоро сафед кардан 2. сафедӣ молидан, сафедӣ задан; ~ **лицо́** ба руй сафедӣ молидан 3. шустагарӣ кардан; ~ **холсты́** карбосро шустагарӣ кардан

бели́ться *несов.* 1. ба руи худ сафедӣ задан (молидан) 2. *страд.* сафед карда шудан

бе́лич||ий, -ья, -ье ...и санҷоб; пӯстисанҷобӣ; ...и пусти санҷоб; ~**ья шку́рка** пусти санҷоб; ~**ья шу́ба** пустини санҷобӣ

бе́лка *ж* санҷоб; (*мех*) пусти санҷоб ◇ **верте́ться как** ~ **в колесе́** ташвишу тараддуд кардан; беҳуда давугеҷ кардан

белко́в||ый, -ая, -ое *биол.*, *хим.* ...и сафеда; ~**ые вещества́** моддаҳои сафеда

белладо́нна *ж бот.*, *мед.* шобезак

беллетри́ст *м* носир, насрнавис

беллетри́стика *ж* адабиёти мансур

беллетристи́ческ||ий, -ая, -ое мансур; ~**ие произведе́ния** асарҳои мансур

бело: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сафед»:* **белоте́лый** сафедбадан; **беловоло́сый** сафедмуй

белобиле́тник *м уст. разг.* сафедбилет (*касе, ки билети сафед дорад, яъне ба хизмати ҳарбӣ кор намеояд*)

белобо́к||ий, -ая, -ое (белобок, -а, -о) паҳлусафед, сафедпаҳлу; **соро́ка** ~**а** аккаи ало

белоборо́дый, -ая, -ое ришсафед, сафедриш; ~ **ста́рец** пирамарди ришсафед

белобры́сый, -ая, -ое (белобры́с, -а -о) *разг.* (*о волосах*) малла; (*о человеке*) малламуй

белови́к *м разг.* покнавис, табьиз

бело́вой, -ая, -ое покнавис

белогварде́ец *м ист.* гвардиячии сафед

белогварде́йский, -ая, -ое ...и гвардиячии сафед; ...и гвардияи сафед

белогварде́йщина *ж собир.* гвардиячиёни сафед

белогла́зка *ж* сафедчашмак (1. *навъи паррандае, ки дар гирди чашмонаш парҳои сафед дорад* 2. *як ҷинси зағорамоҳӣ*)

белоголо́вый, -ая, -ое малламуй; сафедмуй; ~ **стари́к** пири сафедмуй

белогру́д||ый, -ая, -ое синасафед; ~**ая ча́йка** моҳихураки синасафед

белодере́вец, **белодере́вщик** *м* дуредгар

бел||о́к *м* 1. (*яйца́*) сафедии тухм; **взбива́ть** ~**ки́** сафедии тухмро зада кафк кунондан 2. *биол.*, *хим.* сафеда 3. (*глаза*) сафедии чашм; **он взгляну́л на меня́, сверкну́в** ~**ками** у ба ман ало-ало нигоҳ кард

белока́менн||ый, -ая, -ое *нар.-поэт.* сафедсанг; **Москва́** ~**ая** Москваи сангинбино

белокро́вие *с мед.* сафедхунӣ, саратони хун (*вайрон шудани хун дар натиҷаи зиёд шудани лейкоцитҳо*)

белоку́рый, -ая, -ое (белокур, -а, -о) (*о волосах*) малла; (*о человеке*) малламуй

белоли́ц||ый, -ая, -ее (белоли́ц, -а, -е) сафедру(й), сафедрухсор; ~**ая де́вушка** духтари сафедруй

белоло́бый, -ая, -ое сафедпешонӣ, пешонақашқа; ~ **щено́к** сагбачаи пешонақашқа

белору́с *м* белорус

белору́ска *ж* белорусзан, белорусдухтар, зани (духтари) белорус

белору́сский, -ая, -ое белорусӣ, ...и белорус(ҳо), ...и Белоруссия; ~ **язы́к** забони белорусӣ

белору́сы *мн.* белорусҳо

белору́чка *м*, *ж разг.* нозпарвард(а)

белоры́бица *ж* сафедмоҳӣ (*моҳии нуқратоби шикамсафед аз ҷинси озодмоҳиҳо*)

белосне́жн||ый, -ая, -ое (белосне́ж|ен, -на, -но) барф барин сафед, сапсафед; ~**ая ска́терть** дастархони сапсафед

белоте́лый, -ая, -ое (белотел, -а, -о) сафедбадан, симинтан, ширбадан

белоше́йка *ж* чокдуз, чевар

белоше́йн||ый, -ая, -ое ...и чокдузӣ, ...и либосдузӣ; ~**ая мастерска́я** устохонаи либосдузӣ

белоэмигра́нт *м* муҳоҷири сафед (*контрреволюционере, ки дар солҳои аввали ҳокимияти Советӣ ба хориҷа муҳоҷират кардааст*)

белоэмигра́нтский, -ая, -ое ...и муҳоҷири сафед, ...и муҳоҷирони сафед

белу́г||а *ж* ҳашинамоҳӣ (*моҳии калон аз ҷинси тосмоҳиҳо*) ◇ **реве́ть** ~**ой** зор-зор гиристан

белу́жий, -ья, -ье ...и ҳашинамоҳӣ; ~ **бок** гушти биқини ҳашинамоҳӣ

белу́жина *ж* гушти ҳашинамоҳӣ

белу́ха *ж зоол.* белуха, дельфини қутбӣ

бе́л||ый, -ая, -ое (бел, -а, бело́) 1. сафед, сафедранг; ~**ая ткань** матои сафед; ~**ая бума́га** коғази сафед 2. (*светлый*) равшан, кушод, тобон, сафед; ~**ая ше́я** гардани сафед 3. *тк. полн. ф. прил. и в знач. сущ.* **бе́лый** *м*, **бе́лая** *ж* сафедпуст; ~**ая ра́са** ирқи (нажоди) сафедпуст 4. (*о времени суток, о свете*) равшан; ~**ые но́чи** сапедашабҳо (*дар минтақаи шимол*); **среди́ (средь)** ~**а дня** дар рузи равшан 5. *тк. полн. ф. уст. и обл.* (*чистый*) тоза; ~**ая полови́на избы́** қисми тозаи хонаи чубин 6. *тк. полн. ф. прил. и в знач. сущ.* **бе́лый** *м* сафед; **бе́лые** *мн.* сафедҳо; ~**ая гва́рдия** *ист.* гвардияи сафед; ~**ый офице́р** офицери сафед; ~**ые отступи́ли** сафедҳо ақибнишинӣ карданд 7. *в знач. сущ.* **бе́лые** *мн. шахм.* мухраҳои сафед; **игра́ть** ~**ыми** бо донаҳои сафед бозӣ кардан 8. *дар таркиби номҳои баъзе ҳайвонот ва наботот:* ~**ый медве́дь** хирси сафед ◇ ~**ая ба́ня** ҳаммоми муридор; ~**ый биле́т** *уст.* билети сафед (*шаҳодатномаи озод будан аз хизмати ҳарбӣ ба сабаби касалӣ*); ~**ое вино́** 1) май ангури сафед, шароби сафед 2) *прост.* (*водка*) арақ; ~**ая воро́на** зоғи ало; ~**ая горя́чка** ҷунуни хамр; ~**ое духове́нство** руҳониёни сафед (*як қисми руҳониёни православӣ, ки бар хилофи руҳониёни роҳиб парҳезгорӣ наме-*

кунанд); ~ое **золото** *(хлопок)* тиллои сафед; ~**ая изба** хонаи муридор; ~**ая кость** *ирон.* асилзода, ашрофзода; ~**ая мáгня** сеҳру ҷоду; ~**ые места (пятна)** 1) маҳалҳои таҳқиқнашуда (камтаҳқиқшуда) 2) масъалаҳои ҳалталаб (ҳануз ҳалнашуда); ~**ое мясо** гушти мурғ; гушти гусола; **Белая олимпиада** Олимпиадаи зимистона; ~**ый свет** дунё, олам; ~**ый стих** шеъри озод; ~**ый уголь** қувваи об; ~**ыми нитками шито** мисаш аён аст; **сказка про ~ого бычка** *погов. шутл.* чӣ мехонӣ? — Порсола

бельведер *м архит.* шаҳнишин

бельгиец *м* бельгиягӣ

бельгийка *ж* бельгиягизан, бельгиягидухтар, зани (духтари) бельгияги

бельгийский, -ая, -ое бельгиягӣ, ...и бельгиягиҳо, ...и Бельгия

бельгийцы *мн.* бельгиягиҳо, аҳолии Бельгия

бельё *с собир.* либоси таг; **носильное** ~ куртаю эзор; **нижнее** ~ либоси таг; **постельное** ~ чойпуш; **столовое** ~ дастархон ва сачоқ

бельев||ой, -ая, -ое ...и либоси таг, либосворӣ; ~**ая ткань** матои либоси таг (либосворӣ)

бельмес *м*: **ни ~а не знать (не понимать)** *прост.* ҳеҷмадон (нодон, нофаҳм) будан

бельмо *с* гули чашм *(холи сафеде, ки ба чашм меафтад)*; ~ **на левом глазу** гули чашми чап ◇ **как** ~ **на глазу** дилбазан, хасхадук, халаи биқин барин

бельэтаж *м* 1. болохона 2. *театр.* бельэтаж *(кабати якуми аз партер болои театр)*

беляк *м* 1. *охот.* харгуши сафед 2. *прост.* *(контрреволюционер)* сафед, душман

бемоль *м муз.* бемоль (1. *аломати нота, ки ним парда паcттар кардани овозро нишон медиҳад* 2. *в знач. неизм. прил. ним парда паcттар*); **ре** ~ ре-и бемоль

бемольный, -ая, -ое *муз.* ...и бемоль

бемск||ий: ~**ое стекло** *тех.* шишаи чехи *(оинаи хушсифати ғафси шаффофи тиреза)*

бенгалец *м* банголӣ

бенгалка *ж* банголизан, банголидухтар, зани (духтари) банголӣ

бенгальский, -ая, -ое банголӣ, ...и Бангола; ~ **язык** забони банголӣ ◇ ~ **огонь** мушаки маҳтобӣ *(доруи тарф, ки ба ҳар ранг месузад ва худи оташи тарф)*

бенгальцы *мн.* банголиҳо, халқи Бангола

бенефис *м уст.* бенефис *(тамошое, ки даромадаш ба фоидаи яке аз иштироккунандагони он мерафт)* ◇ **устроить** ~ **кому-л.** касеро музтар кардан

бенефисный, -ая, -ое *уст.* бенефисӣ, ...и бенефис; ~ **спектакль** спектакли бенефисӣ

бенефициант *м уст.* бенефициант *(артисте, ки ба фоида ё ба шарафи ӯ бенефис ташкил карда мешавад)*

бензин *м* бензин

бензиновый, -ая, -ое 1. бензинӣ, ...и бензин; ~ **бак** баки (чалаки) бензин 2. бо бензин коркунанда; ~ **двигатель** двигатели бо бензин коркунанда

бензо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маънои «бензин», «бензинӣ» меояд:* **бензомер** бензинченкунак; **бензоколонка** колонкаи бензиндиҳӣ

бензобак *м* баки бензин

бензовоз *м* бензинкаш

бензозаправочн||ый, -ая, -ое бензиндиҳӣ, ...и бензин; ~**ая колонка** колонкаи бензиндиҳӣ

бензозаправщик *м* бензинпуркунанда *(автомобили махсус барои аз бензин таъмин кардани самолёт, танк, автомобиль)*

бензоколонка *ж* колонкаи бензиндиҳӣ, бензоколонка

бензол *м* бензол *(моеи беранги сузанда)*

бензохранилище *с* анбори бензин

бербер *м* барбарӣ; *см.* **берберы**

берберка *ж* барбаризан, барбаридухтар, зани (духтари) барбарӣ; *см.* **берберы**

берберск||ий, -ая, -ое барбарӣ, ...и барбарҳо; ~**ие языки** забонҳои барбарӣ

берберы *мн.* барбариҳо *(аҳолии таҳҷоии қисми ғарбии Африкаи Шимолӣ ва Судони Марказию Ғарбӣ)*

бергамот *м* бергамот (1. *дарахти цитруси, ки аз мевааш равған мекашанд* 2. *номи умумии баъзе навъҳои нок)*

бергамотный, бергамотовый, -ая, -ое бергамотӣ, ...и бергамот

берданка *ж ист.* берданка *(милтиқи дунболапури яктира)*

бердыш *м ист.* табарзин

берег *м* 1. соҳил, канор, лаб; ~ **моря** соҳили баҳр; **пологие ~а реки** соҳилҳои нишеби дарё 2. *(суша)* хушкӣ, замин; **сойти с корабля на** ~ аз киштӣ ба хушкӣ фуромадан

берегов||ой, -ая, -ое соҳилӣ, ...и соҳил, ...и канор, ...и назди соҳил, ...и лаби дарё; ~**ая линия** хатти соҳил; ~**ые скалы** харсангҳои назди соҳил; ~**ая оборона** мудофиаи соҳил

бередить *несов. что разг.* 1. озурдан, озор додан, ба дард овардан, дард кунондан; ~ **рану** захмро озор додан 2. *перен.* аламро тоза кардан; ~ **душу** болои сухта намак пошидан; ба торҳои асаб нахун задан

бережён||ый, -ая, -ое *разг.* 1. нигоҳ доштошуда, эҳтиёт кардашуда, муҳофиза кардашуда, маҳфуз 2. боэҳтиёт, эҳтиёткор, дурандеш; ~**ого [и] бог бережёт** *посл.* ≈ эҳтиёт — нисфи ҳаёт

бережливо *нареч. см.* **бережно**

бережливость *ж* 1. сарфакорӣ, сариштакорӣ, эҳтиёткорӣ; ~ **в деньгах** сарфаи пул 2. *уст. см.* **бережность**

бережлив||ый, -ая, -ое (бережлив, -а, -о) 1. *(экономный)* сарфагар, сарфакор, сариштакор, эхтиёткор ~**ая женщина** зани сарфакор 2. *см.* **бережный**

бережно *нареч.* бо эҳтиёт, эҳтиёткорона; ~ **нести кувшин** кузаро эҳтиёткорона бурдан; ~ **хранить рукопись** дастнависро бо эҳтиёт нигоҳ доштан; ~ **относиться к земле** заминро эҳтиёт кардан

бережность *ж* эҳтиёткорӣ, боэҳтиёт будан(и) ғамхорӣ; **больного несли с большой** ~**ю** беморро хеле эҳтиёткорона бардошта мебурданд

бережн||ый, -ая, -ое боэҳтиёт, эҳтиёткор(она), ғамхор(она); ~**ое обращение с машиной** боэҳтиёт кор фармудани мошин; ~*ое отношение* **к людям** ғамхорӣ дар ҳаққи одамон

берёз||а *ж* тус; **белый ствол ~ы** танаи сафеди тус; **карельская** ~**а** туси карелӣ

берёзка *ж уменьш.-ласк.* к **берёза**

березник, березняк *м* дарахтзори тӯс, тусзор

подберёзовик *м (гриб)* замбуруғи тагитусӣ

берёзов||ый, -ая, -ое тусӣ, ...и тус; ~**ая роща** чакалаки тус; ~**ый лист** барги тус

берейтор *м* берейтор *(муаллими аспсаворӣ; касе, ки аспҳоро ба саворӣ ром мекунад)*

берейторский, -ая, -ое берейторӣ, ...и берейтор

беременеть *несов.* ҳомила (бордор, обистан, буғуз, дуҷон) шудан

беременная (беременна) *кем и без доп.* ҳомила, бордор, обистан, буғуз, дуҷон

беременност||ь *ж* ҳомилагӣ, бордорӣ, обистанӣ, буғузӣ, дуҷонӣ; **период** ~**и** давраи ҳомилагӣ; **отпуск по** ~**и** отпуски ҳомилагӣ

бересклет *м бот.* нормушк, сиёҳгила

берёста *ж* пустлоқи дарахти тӯс

берёстовый, -ая, -ое, **берестяной**, -ая, -ое аз пустлоқи тус сохташуда

берет *м* берет *(як хел каллапӯш)*; **дамский** ~ берети занона; **детский** ~ берети бачагона

беречь *несов.* 1. *кого-что* эҳтиёт (сариштa, ҳифз) кардан, нигоҳ доштан; ~ **чьи-л. вещи** чизҳои касеро эҳтиёт кардан; ~ **тайну** сирро нигоҳ доштан; ~ **природу** табиатро эҳтиёт кардан; ~ **социалистическую собственность** моликияти социалистиро муҳофиза кардан 2. *что* сарфа кардан; ~ **деньги** пулро сарфа кардан 3. *кого* эҳтиёт кардан; нигаҳбонӣ кардан; ~ **своё здоровье** аз саломатии худ эҳтиёт шудан; **береги сына** писаратро эҳтиёт кун ◇ ~ **как зеницу ока** ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кардан

беречься *несов.* 1. эҳтиёт шудан (кардан); **он простудился потому, что не берёгся** ӯ шамол хурд, чунки худро эҳтиёт накард 2. *кого-чего* ҳазар кардан, хабардор (хушёр) будан, бохабар (эҳтиёт) шудан; **берегись!** эҳтиёт бош!; **берегись автомобиля!** аз авто-

мобиль бохабар (эҳтиёт) бош! 3. *страд.* эҳтиёт карда шудан, нигоҳ дошта шудан

берилл *м мин.* берилл, ёқути азрақ (*санги кабуди қиматбаҳо*)

бериллий *м мин.* бериллий (*элементи химиявӣ, металли бисьёр сабук*)

беркут *м зоол.* бургут; **охота с ~ом** шикор бо бургут

берлинск||ий, -ая, -ое берлинӣ, ...и Берлин ◇ **~ая лазурь** нили берлинӣ

берлога *ж* лонаи хирс, хонаи хирс // *разг. шутл.* хона, манзил

бертолетов, -а, -о: **~а соль** намаки бертолетӣ

берцов||ый, -ая, -ое: **~ые кости** *анат.* устухони соқ; **большая и малая ~ые кости** устухони калону хурди соқ

бес *м* 1. дев, ҷин, аҷина, шайтон; **седина в бороду, а ~ в ребро** *посл.* ≈ пирию хартозӣ 2. *бран.* дев, шайтон (*дар мавриди таҳқир*) ◇ **рассыпаться мелким ~ом** *перед кем* хушомад задан (гуфтан), чоплусӣ (тамаллуқ) кардан

бес= *приставка* (*ба ҷои «без=» пеш аз ҳамсадоҳои беҷаранг меояд*): **бесконечный** бепоён, беохир; *см.* **без=**

бесед||а *ж* 1. гуфтугу, суҳбат, гап-гап, чақ-чақ; **~а затянулась за полночь** суҳбат то нисфи шаб кашол ёфт; **в ~е с ним я узнал, что...** аз суҳбате, ки бо у доштам, фаҳмидам, ки... 2. суҳбат, мусоҳиба; **провести ~у** суҳбат гузаронидан; **присутствовать на ~е** дар мусоҳиба ҳузур доштан 3. *уст. и обл.* маҷлис, ҷамъомад

беседка *ж* 1. айвонча, шипанг(ча), чавкандӣ; **~ на берегу моря** шипангчаи соҳили баҳр 2. *тех.* качоваи овеза (*барои боло бардоштани коргароне, ки биноҳоро ранг, андова ва ғ. мекунанд*)

беседовать *несов. с кем* суҳбат (гуфтугу, мусоҳиба) кардан, чақ-чақ кардан

бесёнок *м разг.* 1. *уменьш. к* **бес**; 2. (*о шалуне, шалунье*) шайтонча, балоча

бесить *несов. кого-что* оташин (ҷиннӣ) кардан, ба қаҳр (ба ғазаб) овардан, девона (хашмгин) кардан; **меня бесит его поведение** рафтору кирдори вай маро ба ғазаб меоварад

беситься *несов.* 1. (*о животных*) ҳор (девона, ҷиннӣ) шудан 2. (*неистовствовать*) оташин (ғазабнок, хашмгин, девона, ҷиннӣ) шудан 3. *перен. прост.* бо шуру ғавғо шухию бозӣ кардан ◇ **~ с жиру** *прост.* аз серию пурӣ маст шудан

бесклассов||ый, -ая, -ое бесинф; **~ое общество** ҷамъияти бесинф

бескозырка *ж* кулоҳи белапар

бескозырный, -ая, -ое *карт.* бекозирь, бекузур, безот (*дар қартабозӣ*)

бескомпромиссн||ый, -ая, -ое бесозиш, бесозишкорӣ, бегузашт; **~ое решение** ҳалли бесозишкории масъала

бесконечно *нареч.* бениҳоят, беинтиҳо, беҳадду поён; **~ грустно** андуҳ ҳадду поён надорад; **я вам ~ благодарен** ман аз шумо бениҳоят миннатдор

бесконечност||ь *ж* 1. бепоёнӣ, беинтиҳоӣ, бениҳоятӣ, беохир (беҳад) будан(и); **~ь во времени и пространстве** беинтиҳоии вақту фазо 2. *мат.* адади беохир ◇ **до ~и** беҳад, бепоён, беинтиҳо, бисьёр дуру дароз; **время тянулось до ~и** вақт беҳад кашол ёфт (тул кашид)

бесконечн||ый, -ая, -ое (бесконеч|ен, -на, -но) 1. бепоён, беохир, беҳад, бениҳоят, беинтиҳо; **время и пространство ~ы** вақту фазо интиҳо надоранд 2. дуру дароз; **~ый путь** роҳи дуру дароз 3. доимӣ, муттасил, ҳамешагӣ; **~ые жалобы** шикояти доимӣ 4. фавқулодда, бепоён, пурзур, сахту маҳкам; **~ая нежность матери** меҳри бепоёни модар ◇ **~ая десятичная дробь** *мат.* касри беохири аъшорӣ

бесконтрольно *нареч.* бе назорат; **~ распоряжаться** *кем-чем* бе назорат ихтиёрдорӣ кардан

бесконтрольность *ж* беназоратӣ, беназорат будан(и); **~ действий** беназоратии амалиёт

бесконтрольный, -ая, -ое (бесконтро|лен, -льна, -льно) беназорат

бесконфликтность *ж* беихтилофӣ, бенизоӣ, конфликт надоштан(и)

бесконфликтный, -ая, -ое беихтилоф, бенизоъ, беконфликт

бескормица *ж* қаҳтии хуроки чорво, норасоии алафу хошок

бескорыстие *с*, **бескорыстность** *ж* беғаразӣ, бетамаӣ

бескорыстн||ый, -ая, -ое (бескорыст|ен, -на, -но) беғараз(она), бетамаъ; **~ый человек** одами беғараз (бетамаъ); **~ая помощь** ёрии беғаразона

бескостный, -ая, -ое (бескост|ен, -на, -но) беустухон

бескрайн||ий, -яя, -ее, **бескрайный**, -ая, -ое бепоён, беканор, беҳад, беинтиҳо, беохир; **~ие просторы степей** вусъати беканори даштҳо

бескризисн||ый, -ая, -ое бекризис, бебуҳрон; **~ая социалистическая система хозяйства** системаи бебуҳрони хоҷагии социалистӣ

бескровн||ый I, -ая, -ое (бескров|ен, -на, -но) 1. бехун, камхун; рангпарида, ранғканда; **~ое лицо** руи бехун 2. бехунрезӣ, бекурбонӣ; **~ая борьба** мубориза бехунрезӣ

бескровный II, -ая, -ое *уст.* (*лишённый крова*) бехона, беманзил, хонабардуш

бескрыл||ый, -ая, -ое 1. бебол, бепару бол, беқанот; **~ые насекомые** хашароти бебол 2. *перен.* оҷиз, маҳдуд, ноқис; **~ое воображение** тасаввури маҳдуд

бескультурье *с* бемаданиятӣ, бемаърифатӣ, ҷоҳилӣ, бетарбия будан(и); **борьба с ~м** мубориза бар зидди бемаданиятӣ

бесноватый, -ая, -ое 1. *уст.* ҷинзада, ҷиннинамо, девонаавзоъ 2. *разг.* оташин, ғазабнок

бесноваться *несов. уст.* девонагӣ (ҷиннигӣ) кардан; ба қаҳр (ба ғазаб) омадан, оташин (девона, ҷиннӣ) шудан, шуридан

бесовка *ж бран.* занаки бадхашм (бадқаҳр), занаки ҷанҷолӣ (шаттоҳ)

бесовский, -ая, -ое ...и ҷин, ...и дев, ...и шайтон

беспалубн||ый, -ая, -ое бесаҳн; **~ое судно** киштии бесаҳн

беспал||ый, -ая, -ое беангушт, ангуштбурида, бепанҷа; **~ая рука** дасти беангушт

беспамятный, -ая, -ое *разг.* фаромушкор, фаромушхотир, беҳофиза

беспамятство *с* 1. (*обморок*) беҳушӣ, беҳудӣ; **впасть в ~** беҳуш шудан, аз ҳуш рафтан 2. *уст.* (*забывчивость*) фаромушкорӣ, фаромушхотирӣ

беспардонн||ый, -ая, -ое *разг.* густох(она), беибо, беҳаё(ёна), беодоб(она), беназокат; **~ое поведение** рафтори густохона

беспартийность *ж* бепартиявият, бепартиявӣ будан(и)

беспартийн||ый, -ая, -ое *и в знач. сущ.* **беспартийный** *м*, **беспартийная** *ж* бепартиявӣ, бепартия; **блок коммунистов и ~ых** блоки коммунистон ва бепартиявиён

беспаспортный, -ая, -ое бепаспорт

беспатентный, -ая, -ое бепатент

бесперебойно *нареч.* муттасил, пай дар пай, паёпай

бесперебойность *ж* муттасилӣ, пайдарҳамӣ, мунтазамӣ, пай дар пай (паёпай) будан(и); **~ снабжения предприятия сырьём** таъмини муттасили корхона бо ашьёи хом

бесперебойн||ый, -ая, -ое муттасил, беист, пайваста, пай дар пай, паёпай, пай дар ҳам, мунтазам; **~ая работа транспорта** кори муттасили нақлиёт

бесперемённый, -ая, -ое бетағьир, бедигаргунӣ

беспересадочн||ый, -ая, -ое бетаваққуф, бефуромаду баромад, мустақим; **~ое сообщение** рафтуомади бетавақкуф

бесперечь *нареч. прост. и обл.* пайваста, пай дар пай

бесперспективность *ж* беоқибат будан(и), оянда надоштан(и)

бесперспективн||ый, -ая, -ое (бесперспектив|ен, -на, -но) беоқибат; **~ая работа** кори беоқибат

беспечальн||ый, -ая, -ое (беспеча|лен, -льна, -льно) беғаму ғусса, беғам(она); **~ая жизнь** зиндагии беғаму ғусса

беспечно *нареч.* бепарвоёна, беғамона, фориғболона; **~ относиться к работе** ба кор бепарво будан

беспечность *ж* бепарвоӣ, беғамӣ, фориғболӣ, лоуболӣ

беспечн||ый, -ая, -ое (беспеч|ен, -на, -но) бепарво(ёна), беғам(она), фориғбол(она), лоубол(она), беташвиш; **~ое отношение к работе** муносибати бепарвоёна ба кор; **~ый человек** одами бепарво; **~ая жизнь** зиндагии беташвиш

беспилотный, -ая, -ое бепилот; **~ космический корабль** киштии кайҳонии бепилот

бесписьменн||ый, -ая, -ое бехат, бехату алифбо; ~**ые языки** забонҳои бехату алифбо

бесплановость *ж* бепланӣ, бенақшагӣ, беплан будан(и)

бесплановый, -ая, -ое беплан, бенақша; ~**ое хозяйство** хоҷагии беплан

бесплатность *ж* бепул (бемузд) будан(и); ~ **всех видов образования** бепул будани ҳамаи намудҳои таълим

бесплатн||ый, -ая, -ое (бесплат|ен, -на, -но) бепул, бемузд, ройгон, маҷҷонӣ, муфт; ~**ое обучение** таълими бепул; ~**ая работа** кори бемузд

бесплодие *с* 1. бенаслӣ, бефарзандӣ, безурриётӣ, нозоямӣ 2. *(животных)* қисирӣ, қисирмонӣ 3. *(почвы)* беҳосилӣ, бесамарӣ, бебарӣ

бесплодность *ж* 1. *(почвы)* беҳосилӣ, бесамарӣ, беборӣ 2. *(безрезультатность)* бенатиҷа (бефоида) будан(и), бесамар будан(и); ~ **дальнейших рассуждений** бенатиҷа будани баҳсу мунозираи минбаъда

бесплодн||ый, -ая, -ое (бесплод|ен, -на, -но) 1. бенасл, бефарзанд, безурриёт 2. *(о животных)* қисир 3. *(о почве)* беҳосил, бесамар, бебор; ~**ая почва** замини беҳосил 4. *(безрезультатный)* бенатиҷа, бефоида, бесамар, беҳуда; ~**ые разговоры** гуфтугуи бенатиҷа

бесплотный, -ая, -ое (бесплот|ен, -на, -но) *уст. книжн.* беҷисм; ~ **дух** руҳи беҷисм

бесповоротно *нареч.* бебозгашт, бебаргашт, қатъӣ; **окончательно и** ~ қатъиян ва бебозгашт; ~ **решить вопрос** ба таври қатъӣ масъаларо ҳал кардан

бесповоротн||ый, -ая, -ое (бесповорот|ен, -на, -но) бебозгашт, бебаргашт, қатъӣ; ~**ое решение** қарори қатъӣ

бесподобно *нареч. разг.* бемисл, беназир, беҳамто; **она танцует** ~ вай беназир мерақсад

бесподобный, -ая, -ое (бесподоб|ен, -на, -но) *разг.* бемисл, беназир, беҳамто; ~ **голос** овози беҳамто

беспозвоночн||ый, -ая, -ое *зоол.* 1. бемуҳра; ~**ое животное** ҳайвони бемуҳра 2. *в знач. сущ.* **беспозвоночные** *мн.* бемуҳрагон

беспоко||ить *несов. кого-что* 1. ноҳат (ноором) кардан; азоб додан; **шум** ~**т больного** мағал беморро ноҳат мекунад; **старая рана** ~**ла его** ҷароҳати кӯҳна вайро азоб медод 2. хавотир (безобита) кардан, ба ташвиш (ба хавотир) андохтан; **болезнь ребёнка** ~**ла мать** касалии бача модарро ба хавотир меандохт

беспоко||иться *несов. о ком-чём и без доп.* 1. ба ҳаяҷон омадан, мушавваш (безобита, нороҳат, хавотир) шудан; **мать** ~**илась о сыне** модар аз писараш хавотир мешуд 2. ба ташвиш афтодан, заҳмат кашидан; ғамхорӣ кардан; **не** ~**йтесь, мы не устали** заҳмат накашед, мо хаста нашудаем

беспокойно 1. *нареч.* ноором(она), нороҳат, нотинҷ; беқарор(она); ~ **спать** нороҳат (нотинҷ) хоб кардан 2. *в знач. сказ. безл.* хавотир (безобита, ноором) аст; **на сердце** ~ дил хавотир аст

беспокойн||ый, -ая, -ое (беспоко|ен, -йна, -йно) 1. ноором(она), нороҳат, нотинҷ, мушавваш; ~**ая обстановка** шароити ноором 2. беқарор, бесабр, ноором; ~**ый человек** одами беқарор 3. ҳаяҷономез, музтариб, пурҳаяҷон; ~**ый взгляд** нигоҳи ҳаяҷономез 4. серҳаракат, пурталотум; ~**ое море** баҳри пурталотум

беспокойство *с* 1. ноорамӣ, нороҳатӣ, нотинҷӣ, ташвиш; беқарорӣ, нигаронӣ; **испытывать** ~ беқарор шудан; **им овладело** ~ у ба ташвиш афтид; **проявлять** ~ **по поводу чего-л.** аз ваҷҳи чизе нороҳат шудан; **с** ~**м я ждал ответа** ман бо дили пуризтироб мунтазири ҷавоб будам 2. ташвишу тараддуд, заҳмат; **причинять кому-л.** ~ касеро ташвиш додан; **простите за** ~ мебахшед, шуморо ташвиш додам; **сколько беспокойства от них!** онҳо бисьёр ташвиш медиҳанд!; **одно** ~! фақат ташвишу дарди сар!

бесполезно *в знач. сказ.* беҳуда (бефоида) аст, фоида (нафъ) надорад; ~ **к нему обращаться** ба вай муроҷиат кардан фоида надорад

бесполезность *ж* беҳудагӣ, беҳуда будан(и), фоида надоштан(и)

бесполезн||ый, -ая, -ое (бесполез|ен, -на, -но) бефоида, беманфиат, бесуд, бенафъ, беҳуда, бенатиҷа; ~**ая трата времени** беҳуда сарф кардани вақт; ~**ые усилия** саъю кӯшиши беҳуда

беспол||ый, -ая, -ое беҷинс ◇ ~**ое размножение** *биол.* афзоиши ғайриҷинсӣ

беспоместный, -ая, -ое *ист.* бемулк, бемамлок; ~ **дворянин** дворянини беамлок

беспомощно *нареч.* оҷизона, суст; ночор, ноуҳдабароёна; ~ **улыбаться** оҷизона табассум кардан; **птица** ~ **махала крыльями** парранда оҷизона бол мезад

беспомощность *ж* 1. нотавонӣ, оҷизӣ, ночорӣ, дармондагӣ 2. *(слабость, бездарность)* беистеъдодӣ, беҳунарӣ, сустӣ

беспомощн||ый, -ая, -ое (беспомощ|ен, -на, -но) 1. нотавон, оҷиз(она), ночор, дармонда, беёвар, ноуҳдабаро, бедаступо; ~**ый ребёнок** бачаи нотавон; ~**ый человек** одами ноуҳдабаро; ~**ый взгляд** нигоҳи оҷизона 2. *(слабый, бездарный)* бемаҳорат(она), суст; ~**ые стихи** шеърҳои бемаҳоратона; ~**ый довод** далели суст

беспородн||ый, -ая, -ое безот, ноҷинс; пастсифат; ~**ый скот** ҳайвоноти безот; ~**ое зерно** ғаллаи пастсифат

беспорочность *ж* беайбӣ, бенуқсон (беиллат) будан(и)

беспорочн||ый, -ая, -ое (беспороч|ен, -на, -но) *уст.* беайб, бенуқсон, беиллат; нағз, хуш; ~**ая служба** хизмати бенуқсон; ~**ое поведение** рафтори нағз

беспоряд||ок *м* 1. бетартибӣ, парешонӣ, бесарусомонӣ, беинзомӣ, бетартиб будан(и), маҷмаа; **в комнате был** ~**ок** хона бетартиб буд; **бежать в** ~**ке** бетартибона гурехтан; **оставить бумаги в** ~**ке** коғазҳоро бетартиб гузоштан 2. *мн.* **беспорядки** *уст.* ғавғо, шӯр, исьен, шуру ошуб; **студенческие** ~**ки** шуру ошуби студентон

беспорядочно *нареч.* бетартибона, парешон, бесару пуг; ~ **рассказывать** бесару нуг нақл кардан; **враг** ~ **отступал** душман бетартибона ақибнишинӣ мекард

беспорядочность *ж* бетартибӣ, парешонӣ, бесару нуг будан(и); ~ **мыслей** парешонии фикр

беспорядочн||ый, -ая, -ое (беспорядоч|ен, -на, -но) бетартиб(она), парешон, бесару нуг; ~**ые записи** қайдҳои бетартибона; ~**ый рассказ** ҳикояи бесару нуг; ~**ый человек** одами бесомон

беспосадочный, -ая, -ое беист, бетавaққуф; ~ **перелёт** парвози беист

беспочвенность *ж* беасос будан(и), асос (замина) надоштан(и), хушку холӣ (ҳавоӣ) будан(и)

беспочвенн||ый, -ая, -ое (беспочвен, -на, -но) беасос, безамина, хушку холӣ, ҳавоӣ; ~**ые доказательства** далелҳои беасос

беспошлинно *нареч.* бебоҷ, бегумрук

беспошлинный, -ая, -ое бебоҷ, аз боҷ озод, бегумрук; ~ **ввоз товаров** бебоҷ ворид кардани мол

беспощадно *нареч.* бераҳмона, беамон; ~ **бороться с врагом** бераҳмона бар зидди душман мубориза кардан

беспощадность *ж* бераҳмӣ, беамонӣ, бераҳм (беамон) будан(и); ~ **к врагам** беамон будани нисбат ба душманон

беспощадн||ый, -ая, -ое (беспощад|ен, -на, -но) бераҳм(она), беамон; ~**ая борьба** муборизаи бераҳмона

бесправие *с* 1. беҳуқуқӣ; ~ **народа при царизме** беҳуқуқии халқ дар замони ҳукумати подшоҳӣ 2. *(отсутствие законности)* беқонунӣ, бедодгарӣ, истибдод

бесправность *ж книжн.* беҳуқуқӣ, ҳуқуқ надоштан(и)

бесправн||ый, -ая, -ое (бесправ|ен, -на, -но) беҳуқуқ; ~**ое положение** беҳуқуқӣ

беспредельно *нареч.* беинтиҳо, бепоён, беҳад, беандоза, бениҳоят; **я был** ~ **рад** ман бениҳоят хурсанд будам

беспредельность *ж* беинтиҳоӣ, бепоён (беҳад, беандоза) будан(и)

беспредельн||ый, -ая, -ое (беспредел|ен, -льна, -льно) беинтиҳо, бепоён, беҳад, беандоза, беканор, беҳадду канор, бениҳоят; ~**ая даль** дурии беҳадду канор; ~**ая радость** хурсандии беинтиҳо; ~**ая любовь к родине** муҳаббати бепоёни ватан

беспредложный, -ая, -ое *лингв.* бепешоянд; ~ **оборот** ибораи бепешоянд

беспредметность *ж* бемаънӣ, (бемақсад, беваҷҳ, беҳуда) будан(и); ~ **спора** бемаънӣ будани баҳс

беспредметный, -ая, -ое (беспредмет|ен, -на, -но) бемаънӣ, бемақсад,

бевачҳ, беҳуда, бефоида; ~ **разговор** гапи бефоида; ~ **спор** баҳси беҳуда

беспрекосло́вно *нареч.* бечуну чаро, бегуфтугӯ, беқилуқол; ~ **подчиняться** бечуну чаро итоат кардан

беспрекосло́вность *ж* бечуну чаро (беқилуқол) будан(и)

беспрекосло́вн||ый, -ая, -ое (беспрекослов|ен, -на, -но) бечуну чаро, беқилуқол, бегуфтугу; ~**ое подчинение** итоати бечуну чаро; ~**ое исполнение приказа** иҷрои беқилуқоли амр

беспреме́нно *нареч. прост. и обл.* албатта, ҳатман; **я ~ приду** ман албатта меоям

беспрепя́тственность *ж* бемамониатӣ, бемонеа будан(и), монеа надоштан(и), бемалолӣ

беспрепя́тственный, -ая, -ое (беспрепятствен *и* -ен, -на, -но) бемалол, бемамониат, бемонеа; ~ **въезд и выезд** рафтуомади бемонеа; ~ **доступ к чему-л.** бемалол дастрас будани чизе

беспреры́вность *ж* пайдарҳамӣ, пайдарпай, муттасилӣ, бефосилагӣ

беспреры́вный, -ая, -ое (беспрерыв|ен, -на, -но) пайваста, беист, пай дар пай, муттасил; ~ **рост** афзоиши пай дар пай; ~ **дождь** борони беист

беспреста́нн||ый, -ая, -ое (беспрестан|ен, -на, -но) доимӣ, пай дар пай, беист, муттасил; ~**ые головные боли** дарди сари доимӣ; ~**ая суета** саргардонии пай дар пай

беспрецеде́нтность *ж* бесобиқагӣ, бемисл (бесобиқа) будан(и)

беспрецеде́нтный, -ая, -ое (беспрецедент|ен, -на, -но) бесобиқа, беназир; ~ **случай** воқеаи бемислу монанд

беспри́быльн||ый, -ая, -ое (бесприбыл|ен, -льна, -льно) бефоида, бенафъ, беманфиат, бесуд; ~**ая торговля** савдои бефоида

бесприве́тный, -ая, -ое *уст.* дилгиркунанда; хунук, тира, зиққунанда; ноомбод

бесприда́нница *ж уст.* духтари беҷиҳоз (бебисот)

беспризо́рник *м* бачаи бепарастор (бесарпараст, бесаровон)

беспризо́рница *женск. к* **беспризо́рник**

беспризо́рничать *несов. разг.* бепарастор (бесаровон) будан

беспризо́рност||ь *ж* бепарасторӣ, бесарпарастӣ, бесаровон будан(и); **ликвидация детской ~и** барҳам додани бепарастории кудакон

беспризо́рн||ый, -ая, -ое (беспризор|ен, -на, -но) 1. бепарастор, бесарпараст, бесаровон, бесоҳиб; ~**ый ребёнок** бачаи бепарастор; ~**ое хозяйство** хоҷагии бесаровон; ~**ая собака** саги бесоҳиб, саги дайду 2. *в знач. сущ.* **беспризорный** *м* бачаи бепарастор; **беспризорная** *ж* духтари бепарастор

бесприме́рность *ж* бемислумонандӣ, беҳамтоӣ, беназирӣ, беҳамто (бемислу монанд) будан(и)

беспримерный, -ая, -ое (бесприме́р|ен, -на, -но) бемисл, бемонанд, беҳамто, беназир; ~ **героизм** қаҳрамонии бемислу монанд; ~ **подвиг** корномаи беназир

беспри́месный, -ая, -ое холис, соф, тоза

беспринци́пность *ж* бепринципӣ, бесуботӣ, бепринцип (бесубот, бемаслак) будан(и); ~ **в работе** бепринципӣ нисбат ба кор

беспринци́пн||ый, -ая, -ое (беспринцип|ен, -на, -но) бепринцип(она), бесубот, бемаслак; ~**ый человек** одами бепринцип; ~**ое выступление** баромади бемаслакона

беспристра́стие *с* беғаразӣ, холисона (беғаразона) будан(и); **относиться к кому-чему-л.** с ~**м** нисбат ба касе, чизе беғаразона рафтор кардан

беспристра́стно *нареч.* беғаразона, холисона; ~ **судить о чём-л.** дар бораи чизе холисона сухан рондан

беспристра́стность *ж* беғаразӣ, холисона (беғаразона) будан(и)

беспристра́стн||ый, -ая, -ое (беспристраст|ен, -на, -но) беғараз(она), холис(она); ~**ое отношение** муносибати беғаразона; ~**ая критика** танқиди беғаразона; **быть ~ым** беғараз (холис) будан

беспричи́нность *ж* бесабаб (бевачҳ) будан(и), асос надоштан(и)

беспричи́нн||ый, -ая, -ое (беспричин|ен, -на, -но) бесабаб, бевачҳ, беасос; бемавкеъ; ~**ый смех** хандаи бемавкеъ; ~**ая неприязнь** кинаи беасос

бесприю́тность *ж* бепаноҳӣ, бесарпаноҳӣ, бехонумонӣ

бесприю́тн||ый, -ая, -ое (бесприют|ен, -на, -но) бепаноҳ, бепаноҳгоҳ, бесарпаноҳ, бехонумон; ~**ая собака** саги бесоҳиб, саги дайду

беспробу́дн||ый, -ая, -ое (беспробуд|ен, -на, -но) 1. *(о сне)* вазнин, гарон, сахт; **спать ~ым сном** ба хоби сахт рафтан 2. *разг.* доимӣ; ~**ое пьянство** мастии доимӣ, шурби мудом 3. *перен.* доимӣ, халалдорнашаванда, том; ~**ая тишина** хомушии том

беспро́волочн||ый, -ая, -ое бесим; ~**ый телеграф** телеграфи бесим; ~**ая связь** алоқаи бесим (радио)

беспрогля́дн||ый, -ая, -ое *разг.* берушноӣ, торик, тип-торик; ~**ая тьма** зулмот

беспро́игрышн||ый, -ая, -ое бебохт, бурднок; ~**ый заём** заёми бурднок; ~**ое дело** кори бобарор

беспросве́тность *ж* зулмот, торикӣ

беспросве́тн||ый, -ая, -ое (беспросвет|ен, -на, -но) 1. берушноӣ, зулмот, тира, торик, тип-торик; ~**ая ночь** шаби торик; ~**ая мгла** торикистон 2. *перен.* ношод, тираву тор; ~**ая жизнь** ҳаёти тираву тор; ~**ая тоска** ғаму ғуссаи бепоён

беспросыпный, -ая, -ое *см.* **беспробу́дный**

беспроце́нтн||ый, -ая, -ое бефоиз, бепроцент, ҳасана; ~**ая ссуда** қарзи ҳасана

беспу́тица *ж обл. см.* **бездорожье**

беспу́тник *м разг.* бадахлоқ, фосиқ, сабукпо

беспу́тница *женск. к* **беспу́тник**

беспу́тничать *несов. разг. см.* **беспу́тствовать**

беспу́тн||ый, -ая, -ое (беспут|ен, -на, -но) 1. гумроҳ, сабук, бетартиб; ~**ый малый** ҷавони гумроҳ 2. бадрафтор, бадахлоқ(она), сабукпо, фосиқ(она); ~**ая жизнь** зиндагии фосиқона

беспу́тство *с* бадрафторӣ, бадахлоқӣ; фосиқӣ, фисқу фуҷур

беспу́тствовать *несов.* бадрафторӣ (бадахлоқӣ, фосиқӣ) кардан

беспу́тье *с обл. см.* **бездоро́жье**

бессвя́зно *нареч.* берабт, ноҷаспон, бесару нуг; ~ **рассказывать** бесарунуг ҳикоя кардан

бессвя́зность *ж* берабтӣ, бемуносибатӣ, бесару нуг (номарбут) будан(и); ~ **речи** берабтии сухан

бессвязный, -ая, -ое (бессвяз|ен, -на, -но) берабт, бемуносибат, беалоқа, бесару нуг; номарбут; ~ **рассказ** ҳикояи бесару нуг

бессеме́йный, -ая, -ое беоила, бехонавода, муҷаррад; ~ **человек** одами беоила

бессемеро́вание *с тех.* бессемеронӣ *(аз чуянн гудохта ҳосил кардани пулод)*

бессеме́ровск||ий, -ая, -ое *тех.* бессемерӣ; ~**ий процесс** процесси бессемерӣ; ~**ая сталь** пулоди бессемерӣ

бессемя́нка *ж* меваи бедона(к)

бессемя́нн||ый, -ая, -ое бетухм, бедона(к); ~**ые плоды** меваҳои бедона

бессерде́чие *с см.* **бессерде́чность**

бессердечность *ж* бераҳмӣ, дилсахтӣ, сангдилӣ

бессерде́чн||ый, -ая, -ое (бессердеч|ен, -на, -но) бераҳм(она), дилсахт, сангдил(она); ~**ый человек** одами сангдил; ~**ое отношение к кому-л.** сангдилӣ нисбат ба касе; ~**ый поступок** рафтори бераҳмона

бесси́лие *с* 1. беқувватӣ, нотавонӣ, сустӣ, заъф, бемадорӣ, бедармонӣ; **старческое ~** заъфи пирӣ; **чувствовать ~** беқувватӣ ҳис кардан 2. *(беспомощность)* оҷизӣ, ноуҳдабароӣ

бесси́льный, -ая, -ое (бесси́|лен, -льна -льно) 1. беқувват, нотавон, суст, заиф, бемадор, бедармон; **больной был ещё слаб и бесси́лен** бемор ҳануз суссту беқувват буд 2. оҷиз, ноуҳдабаро; бетаъсир; ~ **гнев** хашму ғазаби бетаъсир; **рана тяжёлая, врач был бесси́лен** ҷароҳат(аш) ганда буд, духтур оҷиз монд

бессисте́мность *ж* бенизомӣ, беназмӣ, номунтазамӣ, номураттабӣ

бессисте́мн||ый, -ая, -ое (бессистем|ен, -на, -но) бенизом, номунтазам, номураттаб, бесару нуг, дарҳам-барҳам; ~**ое обучение** таълими номунтазам

бессла́вие *с* бадномӣ, бешарафӣ, беобрӯӣ, расвоӣ

бессла́вить *несов. кого-что* бадном (бешараф, беобрӯ, расво) кардан, обру резондан

бессла́вн||ый, -ая, -ое (бесслав|ен, -на, -но) бадном, бешараф(она), беобрӯ, расво; ~**ая смерть** марги бешарафона

бессле́дно *нареч.* бедарак, беасар, беному нишон; **он ~ исчез** вай бедарак ғайб зад

бессле́дн||ый, -ая, -ое бедарак, беасар, беному нишон; **~ое исчезнове́ние** бедаракшавӣ

бесслёзный, -ая, -ое беашк

бессловесность *ж* 1. безабонӣ, лолӣ, гунгӣ 2. хомушӣ, сархамӣ

бессловесн||ый, -ая, -ое (бессловес|ен, -на, -но) 1. безабон; **~ое живо́тное** ҳайвони безабон 2. хомуш, забонбаста, сархам; **~ый челове́к** одами забонбаста ◇ **~ая роль** *театр.* роли бенутқ

бессме́нность *ж* бетағьирӣ, доимӣ будан(и), тағьир наёфтан(и)

бессме́нн||ый, -ая, -ое бетағьир, доимӣ; муттасил; **~ая стра́жа** посбонони доимӣ

бессме́ртие *с* 1. бақо, ҷовидӣ, ҷовидонӣ; абадӣ будан(и); **~ приро́ды** бақои табиат 2. *высок.* фанонопазирӣ, намирандагӣ; **~ Пу́шкина** намирандагии Пушкин

бессме́ртник *м бот.* гули ҳамешабаҳор, тугмагул

бессме́ртн||ый, -ая, -ое (бессме́рт|ен, -на, -но) 1. бақодор, бобақо, ҷовид, ҷовидонӣ 2. *высок.* фанонопазир, намиранда; **~ая сла́ва** шуҳрати намиранда, **~ое произведе́ние** асари намиранда

бессме́тн||ый, -ая, -ое 1. берун аз смета; **~ое строи́тельство** сохтмони берун аз смета 2. *уст.* бисьёр, аз ҳад зиёд, бешумор, беҳадду ҳисоб; **~ое коли́чество** миқдори аз ҳад зиёд

бессмы́сленность *ж* бефоида (беҳуда, пуч) будан(и)

бессмы́сленн||ый, -ая, -ое (бессмыслен, -на, -но) 1. бемаъно, бемаънӣ; **~ая фра́за** ибораи бемаъно 2. бефоида, беҳуда, ночаспон, пуч, беҷо; **~ый посту́пок** рафтори ночаспон

бессмы́слиц||а *ж* сухани бемаънӣ, ҳарза, ёва, гапи (кори) беҳуда; **говори́ть ~у** ҳарза гуфтан; **твой посту́пок — по́лная ~а** рафтори ту тамоман бемаънӣ аст

бессне́жн||ый, -ая, -ое бебарф, камбарф; **~ые поля́** саҳроҳои бебарф; **~ая зима́** зимистони камбарф

бессне́жье *с* бебарфӣ, камбарфӣ

бессо́вестно *нареч.* 1. бевиҷдонона, беинсофона, беҳаёёна, бешармона; **~ обману́ть** бешармона фиреб додан 2. *прост.* бисьёр, аз ҳад зиёд; **он ~ опозда́л** вай бисьёр дер монд

бессо́вестность *ж* бевиҷдонӣ, ноинсофӣ, беинсофӣ, беҳаёӣ, бешармӣ

бессо́вестн||ый, -ая, -ое (бессо́вест|ен, -на, -но) бевиҷдон(она), ноинсоф(она), густох(она), беҳаё(ёна), бешарм(она); **~ый посту́пок** рафтори беҳаёёна; **~ый челове́к** одами бевиҷдон; **обману́ть ~ым о́бразом** бешармона фиреб додан

бессодержа́тельность *ж* бемазмунӣ, бемазмун (бемаънӣ, хушку холӣ, пуч) будан(и), маънӣ надоштан(и)

бессодержа́тельн||ый, -ая, -ое (бессодержа́те|лен, -льна, -льно) бемазмун, бемаънӣ, орӣ аз маънӣ, хушку холӣ, пуч; **~ые ре́чи** гапҳои хушку холӣ; **~ый челове́к** одами пуч

бессозна́тельность *ж* 1. *(беспамятство)* беҳушӣ, мадҳушӣ, беҳиссӣ 2. *(безотчётность)* бенхтиёрӣ, беидрокӣ, бешуурӣ, беихтиёрона (бешуурона) будан(и)

бессозна́тельн||ый, -ая, -ое (бессозна́те|лен, -льна, -льно) 1. беҳуш, мадҳуш, беҳис; **~ое состоя́ние** ҳолати беҳушӣ 2. беихтиёр(она), беидрок(она), бешуур(она); **~ый посту́пок** рафтори беихтиёрона

бессо́лнечный, -ая, -ое беофтоб; **~ день** рузи беофтоб

бессо́нниц||а *ж* бехобӣ, бедорхобӣ; **страда́ть ~ей** бехобӣ кашидан

бессо́нн||ый, -ая, -ое 1. бехоб, ...и бехобӣ, ...и шабзиндадорӣ; **~ая ночь** шаби бехоб 2. бедор, бедорхоб, ҳушьёр

бессою́зн||ый, -ая, -ое *грам.* бепайвандак; **~ое предложе́ние** ҷумлаи бепайвандак

бесспо́рно 1. *нареч.* бешак, бебаҳс, беқилуқол, бегуфтугу 2. *в знач. вводн. сл.* бешубҳа, бешак, албатта, ҳатман; ҷои баҳс нест; **ты, ~, прав** гапи ту, албатта, ҳақ аст; **~, он придёт во́время** вай ҳатман дар вақташ меояд

бесспо́рность *ж* баҳснопазир (бешак, бебаҳс) будан(и)

бесспо́рн||ый, -ая, -ое (бесспо́р|ен, -на, -но) бешубҳа, бегуфтугӯ, эътирознопазир, баҳснопазир, қатъӣ; **~ая и́стина** ҳақиқати баҳснопазир; **~ый вы́вод** хулосаи қатъӣ

бессре́бреник *м* одами бетамаъ, шахси беғараз

бессро́чность *ж* бемуҳлат (бемуддат) будан(и), мӯҳлат надоштан(и)

бессро́чн||ый, -ая, -ое бемӯҳлат, бемуддат; **~ый па́спорт** паспорти бемӯҳлат; **беспла́тное и ~ое по́льзование землёй** истифодаи бепул ва бемӯҳлати замин

бессто́чн||ый, -ая, -ое беобгурез, сарбаста; **~ое о́зеро** кули сарбаста

бесстра́стие *с* хунсардӣ, вазнинӣ; ҳаяҷоннопазирӣ, тамкин; бепарвоӣ; **~ во взгля́де** нигоҳи бепарвоёна

бесстра́стн||ый, -ая, -ое (бесстра́ст|ен, -на, -но) хунсард(она), вазнин; ором(она), ҳаяҷоннопазир; карахт; бепарво(ёна); **~ый челове́к** одами хунсард; **~ый взгляд** нигоҳи хунсардона; **~ое лицо́** чеҳраи карахт; **~ый отве́т** ҷавоби ботамкин; **говори́ть ~ым го́лосом** бепарвоёна гап задан

бесстра́шие *с* бебокӣ, нотарсӣ, ҷасорат, далерӣ, диловарӣ, шуҷоат; **просла́виться свои́м ~м** бо далерии худ ном баровардан

бесстра́шный, -ая, -ое (бесстра́ш|ен, -на, -но) бебок(она), нотарс(она), ҷасур(она), далер(она), шуҷоъ; **~ челове́к** одами бебок; **~ посту́пок** кори диловарона

бесстру́нн||ый, -ая, -ое бетор, бесим ◇ **~ая балала́йка** *пренебр.* сафсатафуруш, ҳарзагуй, лаққӣ

бессты́дник *м разг.* беҳаё, бешарм

бессты́дница *женск. к* **бессты́дник**

бессты́дничать *несов. разг.* беҳаёёна (бешармона) рафтор кардан

бессты́дный, -ая, -ое (бессты́д|ен, -на, -но) беҳаё(ёна), бешарм(она), густох(она); **~ посту́пок** рафтори бешармона; **~ челове́к** одами беҳаё

бессты́дство *с* беҳаёӣ, бешармӣ, беҳаё (бешарм) будан(и)

бессты́ж||ий, -ая, -ее *прост. и обл. см.* **бессты́дный**; **~ий взгляд** нигоҳи бешармона ◇ **~ие глаза́!** *прост. обращ.* бешарм!, беҳаё!, нинакшах!, чашмдарида!

бессчётн||ый, -ая, -ое бисьёр, аз ҳад зиёд, борҳо; **повторя́ть ~ое число́ раз** борҳо такрор кардан

бессюже́тный, -ая, -ое бесюжет; **~ фильм** фильми бесюжет

беста́ктность *ж* беадабӣ, беодобӣ, беназокатӣ; **~ поведе́ния** беодобии рафтор

беста́ктн||ый, -ая, -ое (беста́кт|ен, -на, -но) беадаб(она), беназокат, ношоиста; **~ый челове́к** одами беадаб; **~ый посту́пок** рафтори беадабона; **~ая вы́ходка** беодобӣ

бесталанность *ж* беистеъдодӣ, беҳунарӣ

бесталанн||ый I, -ая, -ое (бесталан|ен, -на, -но) *(заурядный)* беистеъдод, беҳунар(она), беқобилият, бемаза; **~ый худо́жник** рассоми беҳунар; **~ая кни́жка** китоби бемаза

бесталанн||ый II, -ая, -ое *уст. и обл.* *(несчастный)* бадбахт, сиёҳбахт, бетолеъ; **~ая голо́вушка** одами бадбахт (бетолеъ)

беспари́фный, -ая, -ое бетариф, берун аз тариф

беста́рн||ый, -ая, -ое беқанор, беҷувол, бехалта, безарф; **~ая перево́зка хло́пка** бе қанор кашондани пахта

бестеле́сный, -ая, -ое (бестеле́с|ен, -на, -но) *книжн.* беҷисм, беҷасад

бе́стия *ж бран.* қаллоб, шайтон, доғулӣ, маккор, фиребгар, ҳилагар; **продувна́я ~** шайтони бе кафшу маҳсӣ; **то́нкая ~** қаллоби гузаро

бестолко́вость *ж* 1. кундфаҳмӣ, кундзеҳнӣ, нофаҳмӣ, нодонӣ, каллаварамӣ; **прояви́ть ~** кундфаҳмии худро нишон додан 2. *(глупость)* аблаҳӣ, аҳмақӣ

бестолко́вщина *ж разг.* бетартибӣ, саргумӣ, дарҳамбарҳамӣ, бесарусомонӣ

бестолко́в||ый, -ая, -ое (бестолко́в, -а, -о) 1. кундфаҳм, кундзеҳн, нофаҳм, нодон, каллаварам; **~ый учени́к** талабаи кундфаҳм (кундзеҳн) 2. аблаҳ(она), аҳмақ(она), бемаънӣ; бесару нуг; **~ое письмо́** хати бемаънӣ

бе́столочь *ж* 1. *см.* **бестолко́вщина**; 2. *разг.* одами кундфаҳм (кундзеҳн, каллаварам)

бестре́петн||ый, -ая, -ое (бестре́пет|ен, -на, -но) 1. *уст. поэт.* сокит, ором; беҷавлон 2. *высок.* нотарс, бебок(она), боҷуръат, ҷасур(она), диловар(она); **~ая сме́лость** диловарии беҳад

бестсе́ллер *м* бестселлер *(китоби бозоран тез)*

бесфо́рменность *ж* бешаклӣ, набудани (надоштани) шакл

бесфо́рменн||ый, -ая, -ое (бесфо́рмен, -на, -но) бешакл, бе шакли муайян; **~ая глы́ба** харсанги бешакл

блужда́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* гумроҳ 2. *прил.* ноустувор, парешон; ~ий взгляд нигоҳи парешон ◇ ~ий нерв *анат.* асаби сертор (*яке аз асабҳои косахонаи сар*); ~ие огни́ (*на болотах*) чароғи аҷина; ~ая по́чка *мед.* гурдаи ҷунбон

блу́за *ж* блуза (1. *куртаи васеи мардона* 2. *уст. нимкуртаи васеи хонапушии занона*)

блу́зка *ж* блузка (*куртаи нимтанаи занона*)

блю́до *с* 1. табақ 2. таом, хӯрок; обе́д из трёх блюд се навъ таом; дежу́рное ~ таоми тайёр (*дар ресторанҳо*)

блюдоли́з *м уст. презр.* косалес, муфтхур

блю́дце *с* тақсимӣ, тақсимича, табақча

блю́минг *м тех.* блюминг (*дастгоҳи калони прокати металл*)

блюсти́ *несов.* 1. *что* риоя (эътино) кардан; ~ зако́н қонунро риоя кардан; ~ трудову́ю дисципли́ну интизоми меҳнатро риоя кардан 2. *кого-что уст. и обл.* (*смотреть за кем-чем-л.*)

назорат (нигоҳдорӣ, нигаҳбонӣ) кардан ◇ ~ себя *уст.* доман пок нигоҳ доштан

блюстись *несов. страд.* риоя карда шудан

блюститель *м уст.* нигаҳбон, ҳомӣ, назоратгар, нозир; ~ **порядка** *ирон.* ҳомии тартибот

блюстительница *женск. к* **блюститель**

бля́х||а *ж* 1. нишона, аломат; **носильщик с ~ой** боркаши нишонадор 2. *(металлическое украшение)* олати зинат, тамға *(мас. барои афзоли асп)* 3. ҳалка, сагаки тасма; **ремень с медной ~ой** тасмаи мисинҳалка

бляшка *ж уменьш. к* **бляха**

боа́ *нескл.* боа *(1. м мори калон дар Америкаи Ҷанубӣ ва Мадагаскар 2. с уст. гарданпечи занона аз мўина ё парҳо)*

боб *м* 1. *(стручок)* ғилофак; *(семя)* лӯбиёдона, донаи лубиё 2. *мн.* **бобы** *(растение)* боқило, лубиё ◇ **~ы разводить** *прост.* гапфурушӣ кардан, сафсата фурӯхтан; **гадать на ~ах** фарзу тахминҳои хом кардан, гумони беҳуда кардан; **оставаться (сидеть) на ~ах** *прост.* ду даст дар бинӣ мондан

бобёр *м* 1. *(мех)* пусти қундуз 2. *прост. см.* **бобр**

бобина *ж тех.* бобина *(ғалтак, навард, дуге, ки ба он чизе печонда мешавад, мас. ресмон, сим ва ғ.)*

бобко́в||ый, -ая, -ое ...и дарахти ғор; ...и меваи дарахти ғор; **~ое масло** равғани меваи дарахти ғор

бобо́вник *м обл.* буттабодом

бобо́вый, -ая, -ое 1. лубиёӣ, ...и лубиё; ~ **стручок** ғилофаки лубиё 2. *в знач. сущ.* **бобовые** *мн. бот.* растаниҳои лӯбиёӣ

бобо́к *м* 1. *(семя)* лӯбиёдона 2. *мн.* **бобки** меваи дарахти ғор

бобр *м зоол.* қундуз ◇ **убить ~а** 1) *(приобрести что-л. ценное)* чизи қиматбаҳоеро ба даст овардан 2) *ирон.* *(обмануться в расчётах)* фиреб хурдан

бобрёнок *м* бачаи қундуз, қундузак

бо́брик *м* 1. бобрик *(як хел мовути патдор)* 2. *в знач. нареч.* **бо́бриком** хорпуштвор *(тарзи мўймонии мардона, ки мўйҳои болои пешонӣ рост меистанд)*; **стричь ~ом** мӯйро хорпуштвор кайчӣ задан

бо́бриковый, -ая, -ое ...и бобрик, аз бобрик духташуда, бобрикӣ

бобри́ха *ж* модақундуз, қундузи мода

бобро́в||ый, -ая, -ое ...и қундуз, қундузӣ; **~ое жилище** лонаи қундуз; **~ый мех** пусти қундуз; **~ый воротник** гиребони қундузӣ

бобслей *м спорт.* бобслей, чанатозӣ, чанапойга

бобылка *женск. к* **бобыль**

бобыль *м* 1. *уст.* деҳқони бебизоат 2. *разг.* бекас, ғариб

бог *м* худо, оллоҳ, яздон, изад, эзид ◇ **бо́же!, бо́же мой!, ~ мой!** *в знач. межд.* худоё!, ё оллоҳ!, парвардигоро!, алҳазар!, тавба!; **~ знает (~ весть) кто (что, куда!)** 1) худо медонад кӣ (чӣ, ба куҷо)... 2) чандон хуб нест; ~ **послал** *уст.* неъмати худодод; ~ **прибрал** *кого прост.* худо гирифт; **не ~ весть что (как, какой)** чандон хуб нест, кирои не; ~ **с тобой** 1) *(как можно)* ин чӣ гап?, ба ту чӣ шуд?; ~ **с тобой, что ты говоришь?** ба ту чӣ шуд, чиҳо гуфта истодай? 2) *(как хочешь)* ихтиёрат, майлат, ҳаволаат ба худо; **поезжай, ~ с тобой** рафтан гир, ёрат худо; **давай ~ ноги** бо тамоми қувват давидан, ҷуфтак кашида гурехтан; **дай ~** *кому* худо расонад, илоҳӣ ҳамин тавр шавад, худо зиёда кунад; **ей-~у!, истинный ~!** ба худо!, ба ростӣ!, худо шоҳид!; **как ~ свят** *уст.* бешакку шубҳа, худо ҳозир, ки...; **как ~ на душу положит** ҳар тавре ки шавад; **не дай ~ (боже), избави (сохрани) ~ (боже)** худо накунад, худо нишон надиҳад, худо нигоҳ дорад; **ие приведи ~!** худо накунад!, худо нишон надиҳад!; **одному ~у известно** худо медонад; **отдать ~у душу** ҷон ба ҷаббор супурдан; **ради ~а!** аз барои худо!; **побойся (побойтесь) ~а!** аз худо тарс(ед)!, раҳм (инсоф) кун(ед)!; **привёл ~** *уст.* худо расонд, тақдир мададгор шуд; **с ~ом!** *уст.* худо ёрат!; **слава ~у !)** *в знач. сказ. (хорошо)* худоро шукр 2) *вводн. сл. (к счастью)* шукр, шукр ки..., хушбахтона; **опасность, слава ~у, миновала** шукр ки хатар гузашт; **убей меия ~!** худо занад, ки...; **царь и ~** худаш подшоҳу табъаш вазир; **чем ~ послал** *уст.* хар чӣ, ки худо расондааст; **вот ~, а вот поро́г** *погов.* кафшатон пеш мондагӣ; чор тарафатон кибла; **на ~а надейся, а сам не плошай** *погов.* ба умеди худо нашаву буттаро дор; **ие ~и горшки обжигают** *погов.* ≈ ин кор аз дасти ҳар кас меояд

богаде́льня *ж уст.* 1. мискинхона, ғарибхона *(дар Россияи пеш аз революция муассисаи махсус барои маибу маслуққо)* 2. *перен.* идораи ноуҳдабароён

богара́ *ж собир. с.-х. (земли)* заминиҳои лалмӣ; *(посевы)* кишти лалмӣ, лалмикорӣ

бога́рн||ый, -ая, -ое *с.-х.* лалмӣ, ...и лалмикорӣ; **~ое земледелие** лалмикорӣ

богате́й *м прост.* давлатманд, бой, тавонгар

богате́ть *несов.* бой (ғанӣ) шудан

бога́то *нареч.* 1. давлатманд(она), тавонгар(она); **этот колхоз живёт ~** ин колхоз бой аст 2. бошукуҳ, пурзебу зинат 3. *(обильно)* фаровон, сероб

бога́тств||о *с* 1. боигарӣ, давлат, сарват, доройӣ; **накопленное ~о** давлат, сарват; **общественное ~о** сарвати иҷтимоӣ 2. хашамат, шукуҳ; **~о обстановки** ҳашамати асбобу ускуна 3. *мн.* **богатства** сарват, боигарӣ; **~а земных недр** сарвати қаъри замин; **родные ~а края** боигарии табиии кишвар 4. рангорангӣ, гуногунӣ, боигарӣ; **~о красок** гуногунии рангҳо; **~о языка** фасоҳати забон

бога́т||ый, -ая, -ое (богат, -а, -о) 1. бой, давлатманд, доро, сарватманд, ғанӣ, сероб; **~ое село** деҳаи ободи // *в знач. сущ.* **богатый** *м* давлатманд, сарватманд, тавонгар, бой; **~ые и бедные** бою камбағал 2. фаровон сероб; **~ый урожай** ҳосили фаровон // *чем чаще в знач. сказ.* бисьёр (сероб) аст; **степи ~ы дичью** дар дашт сайд бисьёр аст; **~ая хлебом страна** мамлакати аз ғалла сероб 3. боҳашамат, бошукӯҳ, муҳташам, дабдабанок, бокарруфар; **~ый пир** базми бошукуҳ, базми ҷамшедӣ; **~ый наряд** либоси бокарруфар 4. гуногунхел, ғанӣ, комил; **~ый язык** забони фасеҳ; **~ая рифма** *поэт.* қофияи мукаммал

богаты́рск||ий, -ая, -ое 1. паҳлавонӣ, ...и паҳлавон, ...и баҳодур; **~ий эпос** эпоси (достони) паҳлавонӣ 2. *перен* тавоно, тануманд, паҳлавонҷусса; **~ого сложения человек** одами паҳлавонҷусса; **у него ~ая сила** у зўри паҳлавонона дорад ◇ **~ий сон** хоби сахт (рустамона)

богаты́рство *с* 1. баҳодурӣ, диловарӣ, паҳлавонӣ, зўрмандӣ, мардонагӣ 2. *собир. ист.* баҳодурон, паҳлавонон; **киевское ~** баҳодурони Киев

богаты́рь *м* 1. *фольк.* баҳодур, паҳлавон, диловар; ~ **Илья Му́ромец** Илья Муромеци баҳодур 2. *перен.* одами қоматбаланд ва тавоно, одами қавипайкар (тануманд)

бога́ч *м* бой, давлатманд, бадавлат, тавонгар, сарватманд

бога́че *сравн. ст. к* **богатый** *и к* **богато** бойтар, давлатмандтар, доротар; фаровонтар, серобтар

бога́чка *ж разг.* бойзан, бойдухтар

богдыха́н *м уст.* богдихон *(императори Хитой)*

богема *ж* 1. *собир.* богема *(дар ҷамъияти буржуазӣ зиёии камбизоат, одатан санъаткорон, ки зиндагии лоуболона ва бесарусомон доранд)* 2. *разг. (быт)* зиндагии бесарусомон

богемный, -ая, -ое бесарусомон; ~ **образ жизни** зиндагии бесарусомон

боги́ня *ж миф.* 1. олиҳа, маъбуда 2. *перен. уст.* маҳбуба, маъшуқа

богобоя́зненный, -ая, -ое (богобоязнен, -на, -но) *уст.* худотарс, парҳезгор, порсо, тақводор

богоиска́тельство *с* худоҷуӣ *(ҷараёни динии фалсафӣ дар байни зиёиёни буржуазии рус баъди шикасти революцияи соли 1905)*

богома́з *м разг.* иконакаш *(суратгари акси худо ва авлиёи насрониён)*

богома́терь *ж см.* **богоро́дица**

богомо́л *м* 1. намозхон, намозгузор, ибодаткунанда, обид 2. *(паломник)* зиёраткунанда, тавофкунанда, ҳаҷкунанда, ҳоҷӣ 3. *мн.* **богомо́лы** *зоол.* гаҳворачунбонҳо

богомолец *м см.* **богомо́л** 1

богомо́лка *женск. к* **богомо́л** 1

богомо́лье *с уст.* зиёрат, ҳаҷ

богомольный, -ая, -ое (богомо|лен, -льна, -льно) диндор, тақводор

богоотсту́пник *м уст.* муртад, аздингашта

богоро́дица *ж рел.* бибӣ Марьям, модари Исо

богосло́в *м* 1. *(специалист по богословию)* фақеҳ 2. *(ученик духовной семинарии)* талабаи синфи болоии семинарияи динӣ, муллобача

богосло́вие *с* фиқҳ, илоҳиёт

богосло́вский, -ая, -ое 1. ...и фақеҳ; ...и фиқҳ 2. ...и талабаи семинарияи динӣ, ...и муллобача

богослуже́бн||ый, -ая, -ое ...и ибодат, ...и тоат, ...и намоз; **~ые книги** кутуби ибодат

богослуже́ние *с* ибодат, тоат, намоз

богострои́тельство *с* худосозӣ *(ҷараёни динии фалсафӣ, ки баъди шикасти революцияи соли 1905 дар байни зиёиёни социал-демократ пайдо шуда, сохтани дини нави «социалистӣ»-ро таблиғ мекард)*

боготвори́ть *несов. кого-что* 1. *(обожать)* парастидан, ситоиш кардан, аз ҳад зиёд дӯст доштан 2. *(обожествлять)* худо шумурдан (пиндоштан)

богоуго́дн||ый, -ая, -ое (богоуго́д|ен, -на, -но) *уст.* савоб, худоӣ, ...и хайрия; ...и писанди худо, худописанд ◇ **~ое заведе́ние** *уст.* муассисаи хайрия, мискинхона

богоху́льник *м уст.* осӣ, кофир

богоху́льн||ый, -ая, -ое *уст.* куфрона; **~ые ре́чи** суханони куфрона

богоху́льство *с уст.* осигӣ, куфр

богоху́льствовать *несов. уст.* осигӣ кардан, куфр гуфтан

бода́ние *с (по знач. гл.* **бода́ть** *и* **бода́ться)** шохзанӣ, шох задан(и)

бода́ть *несов. кого-что* шох задан

бода́ться *несов.* 1. *см.* **бода́ть;** 2. *(бодать друг друга)* ҳамдигарро шох задан, шохҷанг (шохзанӣ) кардан

бодли́в||ый, -ая, -ое (бодли́в, -а, -о) шохзан ◇ **~ой коро́ве бог рог не даёт** *посл.* ≈ хайрият худо ба хар шох надодааст

боднýть *сов. однокр. к* **бода́ть**

бодри́||ть *несов. кого-что* дилбардорӣ кардан, руҳ бахшидан, дилдорӣ додан; **све́жий во́здух ~т** ҳавои тоза рӯҳ мебахшад

бодри́||ться *несов.* худро далер доштан, худро бардам гирифтан, ҷавон нишон додан; **стари́к ещё ~лся** пирамард ҳануз худро бардам мегирифт

бо́дро *нареч.* зиндадилона, бардам(она); **~ шага́ть** бардам(она) қадам партофтан

бо́дрость *ж* зиндадилӣ, бардамӣ; ҳушьёрӣ; **чу́вствовать ~** худро бардам ҳис кардан

бо́дрствование *с (по знач. гл.* **бо́дрствовать)** бедорӣ, ҳушьёрӣ, бедор (ҳушьёр) будан(и)

бо́дрствовать *несов.* бедор (ҳушьёр) будан

бо́др||ый, -ая -ое (бодр, -а́, -о) рӯҳбаланд, зиндадил(она), бардам(она); **он по-пре́жнему бодр** вай пештара барин бардам аст; **говори́ть ~ым го́лосом** бо овози бардамона гап задан; **~ое настрое́ние** руҳбаландӣ, бардамӣ; **~ая мело́дия** оҳанги руҳафзо

бодря́щ||ий, -ая, -ее (бодря́щ, -а, -е) рӯҳафзо, рӯҳбахш; **~ий ветеро́к** насими рӯҳафзо; **~ие зву́ки орке́стра** оҳанги рӯҳбахши оркестр

боду́н *м,* **боду́нья** *ж обл. (о рогатом скоте)* шохзан

бодя́г||а *ж бот.* исфанҷи обӣ ◇ **разводи́ть ~у** *прост.* гап фурухтан, кашолгапӣ кардан

бое= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҷанг», «ҷангӣ»:* **боеспосо́бный** қобили ҷанг; **боеприпа́сы** лавозимоти ҷанг

боеви́к *м* боевик (1. *ист. аъзои дружинаи ҷангии коргарӣ дар солҳои 1905—1907* 2. *фильм ё спектакли сертамошобин)*

боеви́т||ый, -ая, -ое боғайрат, ғаюр(она), ҷасур(она); **~ая организа́ция** ташкилоти фаъол; **~ая статья́** мақолаи ҷасурона

боев||о́й, -а́я, -о́е 1. ҷангӣ, ҳарбӣ, низомӣ; **~а́я гото́вность** тайёрии ҳарбӣ; **~а́я подгото́вка** тайёрии ҷангӣ; **~о́й о́пыт** таҷрибаи ҷангӣ; **~а́я трево́га** бонги хатар; **~о́е снаряже́ние** лавозимоти ҷанг 2. ҷанговар(она), ҷангӣ; **~о́й клич** даъвати ҷанговарона; **~о́й дух во́йска** руҳи ҷанговаронаи қушун 3. *разг.* чаққон, боғайрат, чолок; **~о́й па́рень** ҷавони боғайрат 4. муҳим, бисьёр (фавқулодда) муҳим; **~а́я зада́ча** вазифаи фавқулодда муҳим ◇ **~о́е креще́ние** 1) *воен.* иштироки аввалин дар ҷанг 2) озмоиши нахустин *(дар коре)*

боеголо́вка *ж* пайкон, пайкони ракета

боёк *м* 1. *(в оружии)* зарбазанак *(нӯги қуланг дар милтиқ)* 2. *(парового молота)* мӯҳраи болғаи буғӣ

боекомпле́кт *м воен.* боекомплект *(миқдори лавозимоти ҳарбӣ аз рӯи воҳиди аслиҳа)*

боепита́ние *с воен.* таъминоти ҷангӣ *(таъмини қушун бо яроқ ва лавозимоти ҷанг)*

боеприпа́сы *мн. воен.* лавозимоти ҷанг *(аз қабили тир, снаряд, мина ва ғ.)*

боеспосо́бность *ж* қобилияти ҷангӣ, қобилияти ҷангидан; **~ а́рмии** қобилияти ҷангии армия

боеспосо́бный, -ая, -ое (боеспосо́б|ен, -на, -но) қобили ҷанг; **~ батальо́н** батальони қобили ҷанг

бое́ц *м* 1. *(воин)* ҷанговар, аскар, сарбоз 2. *(борец)* мубориз; **~ за пра́вое де́ло** муборизи кори ҳақ 3. *(участник кулачного боя)* муштзан

божба́ *ж уст.* савганд (қасам) ба номи худо

бо́же *см.* **бог**

бо́жеск||ий, -ая, -ое 1. *уст. см.* **бо́жий;** 2. *разг.* қобили қабул, мувофиқ, муносиб; **~ие усло́вия** шароити мувофиқ; **~ая цена́** нархи дуруст (сара) ◇ **яви́(те) ~ую ми́лость** *уст.* раҳм (тараҳҳум) кун(ед), меҳрубонӣ кун(ед)

боже́ственно *нареч.* ҳайратангез, аҷоиб, аъло

боже́ственн||ый, -ая, -ое (боже́ствен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* илоҳӣ, ...и худо 2. *тк. полн. ф.* динӣ; **~ые кни́ги** китобҳои динӣ 3. *разг.* форам, зебо, фаттон; **~ый го́лос** овози форам; **~ая но́жка** пои зебо (хушрехт)

божество́ *с* 1. худо, худованд, оллоҳ, илоҳ, яздон; **язы́ческое ~** бут, санам 2. *перен. уст.* бут, санам; нигор, нозанин

бо́ж||ий, -ья, -ье ...и худо, худоӣ, илоҳӣ; **~ья тварь** махлуқи худо; **раб ~ий** *уст.* 1) бандаи худо 2) *шутл.* махлуқ; **появи́ться на свет ~ий** таваллуд ёфтан ◇ **~ья коро́вка** 1) *зоол.* халилихурак, какана 2) одами беозор; **~ий челове́к** *уст.* девонаавзоъ; қаландар; **зако́н ~ий** дарси фиқҳ; **и́скра ~ья** *у кого, в ком уст.* истеъдоди фитрӣ, қобилияти модарзод; **ка́ждый ~ий день** ҳар рӯз, ҳар рӯзи худо; **я́сно, как ~ий день** рӯз барин равшан

божи́ться *несов.* қасам хӯрдан *(ба номи худо)*

божни́ца *ж* токчаи икона

божо́к *м* 1. *уменьш. к* **бог;** 2. *(изображение божества)* бут, муҷассамаи (сурати) худо 3. *перен. ирон.* маҳбуб, эрка

бой *м* 1. ҷанг, корзор; **возду́шный ~** ҷанги ҳавоӣ; **морско́й ~** ҷанги баҳрӣ; **наступа́тельный ~** ҷанги ҳуҷумӣ; **оборони́тельный ~** ҷанги мудофиавӣ; **по́ле боя́** майдони ҷанг; **вести́ ~** ҷанг кардан, ҷангидан; **приня́ть ~** ба ҷанг даромадан; **дать ~** ҷанг кардан; **взять с бо́ю** 1) ҷанг карда ба даст даровардан 2) *перен. (добиться)* зӯр зада ба даст даровардан; **взять без боя́** бе ҷанг забт кардан (ба даст даровардан) 2. *прост.* занозанӣ, афтударафт, кашмакаш; **бить сме́ртным бо́ем** бераҳмона задан 3. ҷанг, зӯрозмоӣ; **~ петухо́в** хурӯсҷанг; **кула́чный ~** муштҷанг, муштзанӣ 4. мубориза, задухурд; **кла́ссовые бои́** задухӯрдҳои синфӣ 5. куштан(и), сар задан(и), саллохӣ; **~ скота́** куштани мол; **~ ры́бы острого́й** бо соскан зада куштани моҳи 6. *воен.* нишонзанӣ; зарб; **прове́рить ~ ружья́** нишонзании милтиқро санҷидан 7. *собир.* шишареза, чизҳои шикастагӣ; **яйца-~** тухмҳои шикастагӣ; **в я́щике с посу́дой мно́го боя́** дар қуттӣ зарфи шикастагӣ бисьёр аст 8. занг, садо, овоз, бонг; **~ часо́в** занги соат; **бараба́нный ~** садои нақора 9. *(пение некоторых птиц)* чаҳ-чаҳ, чеғ, хониш; **перепели́ный ~** хониши вартиш (бедона) ◇ **бой-ба́ба** *ж* занаки шаддод, занаки бало

бо́йк||ий, -ая, -ое (бо́ек, бойка́, бо́йко) 1. чобук, чолок, боҷуръат; **~ий учени́к** талабаи чолок 2. *(смелый)* ҷасур, шуҷоъ; **~ий пловéц** шиновари ҷасур 3. бурро, тез, гиро; **~ая речь** нутқи бурро; **~ий ум** ақли гиро; **~ий напе́в** оҳанги бурро (ҷарангосӣ) 4. гармуҷушон, баравнақ, тез; серодам; **~ая торго́вля** савдои баравнақ, бозори тез; **на ~ом ме́сте** дар ҷои серодам; **~ая**

пристань бандари серрафтуомад ◇ **~ий (боек) на язык** забонаш тез, серлабу дахон; **у него ~ое перо** каламп у тез аст

бойко *нареч.* 1. чолокона, бо чакконӣ; **~ шагать** чолокона кадам партофтан 2. часурона 3. зуд, равон; **~ говорить по-немецки** ба забони немисӣ равон гап задан 4. гармучушон, баравнак, тез; **~ торговать** бозори баравнак доштан

бойкость *ж* 1. чобукӣ, чолокӣ, чустӣ, чакконӣ 2. часорат, часурона будан(и); **~ ответа** часурона будани чавоб 3. тезӣ, чолокӣ, чакконӣ; **~ игры на инструменте** чолокона навохтани асбоби мусикӣ 4. равнак, баравнакӣ, тезӣ; **~ торговли** равнаки савдо

бойкот *м* 1. бойкот (*усули мубоpизаи сиёсӣ ва иктисодӣ ба мукобили давлат, ташкилот ё шахси чудогона*); **подвергнуть ~у** бойкот кардан 2. *перен. разг.* тарки алока; **объявить ~ кому-л.** бо касе тарки алока кардан

бойкотировать *несов. кого-что* бойкот кардан, бойкот эълон кардан

бойкотироваться *несов. страд.* бойкот карда шудан

бойлер *м* обгармкунак, бойлер

бойница *ж* тиркаш, равзанаи сангар

бойня *ж* 1. саллоххона, кушишхона 2. хунрезӣ, кушокушӣ, куштор; чанги шадид, бозори ачал

бойскаут *м см.* **скаут**

бойцовый, -ая, -ое: **~ петух** хуруси чангӣ

бойче *сравн. ст. к* **бойкий** *и к* **бойко** чобуктар, чолоктар, чакконтар

бок *м* 1. (*у человека*) пахлу, бикин; **ворочаться с ~у на бок** аз пахлу ба пахлу гаштан, пахлу задан; **спать на ~у** якпахлу хобидан; **он упёрся руками в ~а** у дастро ба миён гузошт; **отлежать ~а** ганда хоб рафта дарди бикин шудан 2. (*у животного*) бикин; **бараний ~** гушти нахарт, гушти бикини гусфанд 3. як тараф, пахлу; **по ~ам** аз хар ду тараф, **аз хар ду пахлу**; **конверт с одного ~а надорван** як тарафи конверт даридааст; **лодка покрашена с одного ~а** як тарафи заврак ранг карда шудааст ◇ **~ о бок** пахлу ба пахлу; **работать ~ о бок** пахлу ба пахлу истода кор кардан; **под боком, под боком** дар пахлу, бисьёр наздик; **магазин под боком** магазин бисьёр наздик аст; **брать за ~а** *кого прост.* ба коре мачбур кардан; **взяться не с того ~у** корро нодуруст сар кардан; **лежать на ~у** бекорхучагӣ (танбалӣ) кардан; **намять (наломать, обломать) ~а** *кому прост.* задан, зарбу лат кардан; **отдуваться своими ~ами** *прост.* ≈ халворо хаким хурад, калтакро ятим; **переваливаться с ~у на бок** мургобивор рох рафтан

бокал *м* кадах, чом, согар; **выпить по ~у вина** яккадахӣ май нушидан ◇ **поднимать ~ за кого-что-л.** ба шарафи касе, чизе кадах бардоштан

боковин||а *ж прост.* пахлу, тараф; бикин; **~ы грузовика** пахлухои мошини боркаш; **осетровая ~а** гушти бикини озодмохӣ

боков||ой, -ая, -ое пахлуӣ, ...и пахлу; **~ая поверхность** пахлу; **~ой карман** кисаи бағал, кисабағал; **~ая аллея** хиёбони пахлуӣ; **~ая дверь** дари пахлуӣ ◇ **~ая качка** аз пахлу ба пахлу алвонч хурдани киштӣ; **по боковой линии** (*о родстве*) хеши дур; **отправиться на ~ую** хоб рафтан, хобидан; **пора на ~ую** вакти хоб шуд

боковушка *ж обл.* хонаи шафат

боком *нареч.* 1. яктарафа, якпахлу; **пройти в дверь ~** аз дар якпахлу шуда гузаштан 2. *разг.* бо гушаи (бо кнрраи) чашм, кач, кач-кач; **взглянуть ~** кач-кач нигох кардан 3. кач, яклаба, якшоха; **фуражка ~ сидела на его голове** фуражка дар сараш якшоха буд ◇ **выйти ~** аз бинӣ баромадан; **пройти ~** аз як тараф гузаштан, аз канор (аз пахлу) гузаштан; **грозовая туча прошла ~** абри сиёхи раъду барковар аз як тараф гузашта рафт

бокс I *м спорт.* бокс (*муштзанӣ бо коидахои махсус*)

бокс II *м* (*для больных*) бокс (*хонаи алохида барои беморон дар муассисахои муоличавӣ*)

боксёр I *м* боксёр, муштзан

боксёр II *м* боксёр (*бульдоги немисӣ*)

боксёрск||ий, -ая, -ое ...и боксёр, ...и бокс, ...и муштзан; **~ие перчатки** дастпушакхои боксёр; **~ие приёмы** усулхои бокс (муштзанӣ)

боксировать *несов.* бокс кардан, муштзанӣ кардан

боксит *м мин.* боксит (*бехтарин маъдани алюминий*); **залежи ~ов** кони маъдани боксит

бокситов||ый, -ая, -ое ...и боксит, бокситдор; **~ый рудник** кони боксит; **~ая порода** чинси боксит

болван *м* 1. *обл.* (*чурбан*) ғула 2. (*для шляп*) колиби телпакдузӣ 3. *бран.* аблах, ахмак, кундзехн, кунда 4. *уст.* (*идол*) бут, санам

болванка *ж* 1. *тех.* ғулаи металл 2. (*заготовка*) оханпора, пораи охан; чуби ғула (*масолех барои сохтани чизе*) 3. *см.* **болван** 2

болваночный, -ая, -ое ...и ғулаи металл; **~ слиток** ғулаи металл; **~ стан** дастгохи ғулабурӣ

болгарин *м* булғор

болгарка *ж* булғорзан, булғордухтар, зани (духтари) булғор

болгарский, -ая, -ое булғорӣ, ...и булғорхо, ...и Булғория; **~ язык** забони булғорӣ; **~ перец** каланфури булғорӣ

болгары *мн.* булғорхо, халки Булғория

боле *уст. и обл. см.* **больше** I

болев||ой, -ая, -ое ...и дард; **~ое ощущение** хисси дард, хис кардани дард; **~ая судорога** дарди рагкашӣ

более 1. *см.* **больше** I — 3; **не ~ часу** аз як соат зиёд не; **не ~ напёрстка** ангуштпона барин, хурдтар аз ангуштпона; **он ~ не слушал** вай дигар гуш накард 2. *в сочет. с прил. и нареч. служит для образования сравн. ст.*: **~ тёмный** хиратар, тиратар; **~ правильно** дурусттар ◇ **~ или менее** каму беш, то андозае, то дарачае; **не (ни) ~ [и] не (ни) менее как...** на каму на зиёд, расо; **~ того** зиёда аз он, ба замми он, ғайр аз он; **~ чем** нихоят, комилан, аз хад зиёд; **я ~ чем доволен вашим ответом** чавоби шумо маро комилан конеъ кард; **всё ~ и ~** беш аз пеш; **тем ~** хусусан ки, хусусан, алалхусус; **тем ~ он должен приехать** алалхусус вай бояд биёяд

болезненно *нареч.* 1. дардмандона; **она ~ худа** вай аз дардмандӣ лоғар аст 2. *перен.* аз хад зиёд, нихоят, бенихоят, аз хад афзун; **он ~ горд** вай аз хад зиёд мағрур аст 3. (*страдальчески*) пуразоб, аламнок, ранчурона

болезненность *ж* 1. дардмандӣ, ранчурӣ, дардноки, нотобӣ 2. *перен.* аз хад зиёд (нихоят, бенихоят, аз хад афзун) будан(и); **~ самолюбия** нихояти зудранчӣ 3. дард, дарднок будан(и); **~ укола** дарди сузанзанӣ

болезненн||ый, -ая, -ое (болезнен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* касал, касалманд, дардманд(она), нотоб, ранчур(она), бемадор; **~ый ребёнок** кудаки дардманд; **~ый вид** киёфаи касалнамо; **~ый блеск глаз** тобиши ранчуронаи чашмон 2. *перен.* аз хад зиёд, бенихоят бисьёр; **его обидчивость ~а** вай бенихоят зудранч аст 3. пуразоб, дарднок, аламовар; **~ая операция** чаррохии пуразоб; **~ые воспоминания** хотирахои пуралам; **~ый стон** нолиши чонкох

болезнетворн||ый, -ая, -ое касалиовар, дардовар; **~ые микробы** микробхои касалиовар

болезнеустойчивость *ж* (*растений*) касалибардорӣ, ба дард тобовар будан(и)

болезнеустойчивый, -ая, -ое (болезнеустойчив, -а, -о) (*о растениях*) касалибардор; **~ сорт хлопчатника** навъи касалибардори пахта

болезный, -ая, -ое *прост.* 1. (*жалкий*) рахмовар, андуховар 2. (*милый*) матлуб, азиз

болезн||ь *ж* касалӣ, беморӣ, дард, ранчурӣ; **заразная ~ь** касалии гузаранда (сирояткунанда); **глазные ~и** касалихои чашм; **кожные ~и** касалихои пуст; **женские ~и** касалихои (беморихои) занона; **душевные ~и** беморихои рухӣ; **внутренние ~и** касалихои дарун; **лучевая ~ь** бемории шуоъ; **сонная ~ь** касалии хоб; **горная ~ь** дарди кухпаймоӣ, касалии кух; **морская ~ь** касалии бахр; **неизлечимая ~ь** дарди бедаво; **история ~и** таърихи беморӣ ◇ **~ь века** иллати замон; **~и возраста** иллати пирӣ, асароти пирӣ; **~и роста** нуксонхои бакамолрасӣ (*душворӣи муваккатии чизе вобаста ба инкишофи он*)

болельщик *м разг.* 1. ғамхор 2. *спорт.* хавохох, хаводор, мухлис

болеро *с нескл.* болеро (*ракси халкии испанӣ ва мусикии он*)

болеть I *несов.* 1. бемор (касал) будан, дард кашидан, нохуш (нотоб, ранҷур) будан; ~ **гриппом** грипп шудан 2. *за кого-что, о ком-чём перен.* сахт мутаассир шудан, ғамхорӣ (дилсузӣ) кардан; ~ **за успех дела** барои пешрафти кор дилсузӣ кардан; ~ **за свой цех** ғами цехи худро хурдан 3. *за кого-что перен.* ҳавохоҳ (ҳаводор, мухлис) будан; ~ **за «Спартак»** ҳавохоҳи «Спартак» будан ◇ ~ **душой (сердцем)** *за кого-что, о ком-чём* аз дилу ҷон ғам хӯрдан

бол||еть II *несов.* дард кардан; **что у тебя ~ит?** кучои ту дард мекунад? ◇ **душа (сердце) ~ит у кого-л.** дили касе месузад; **у матери душа ~ит о сыне** дили модар ба писар месузад

болеутоляющ||ий, -ая, -ее ...н рафъи дард, пасткунандаи (сабуккунандаи, таскиндиҳандаи) дард; **~ее средство** доруи рафъи дард

боливиец *м* боливиягӣ

боливийка *ж* боливиягизан, боливиягидухтар, зани (духтари) боливиягӣ

боливийский, -ая, -ое боливиягӣ, ...и боливиягиҳо, ...и Боливия

боливийцы *мн.* боливиягиҳо, аҳолии Боливия

болиголов *м бот.* болиголов (*чатргули заҳрнок*)

болид *м астр.* болид (*метеори калон*)

болона *ж обл. и лес.* ғуррии дарахт

болонка *ж* болонка (*саги хурди пашмдарози хонагӣ*)

болотист||ый, -ая, -ое (болотист, -а, -о) 1. серботлоқ, ботлоқдор; **~ая местность** ҷои серботлоқ; **~ая равнина** ҳамвории ботлоқдор 2. (*топкий*) ...и ботлоқ, ботлоқӣ; **~ая почва** замини ботлоқ, шиварзамин

болотник *м* 1. *зоол.* қассобак (*паррандаи хурди ботлоқӣ*) 2. *бот.* лойгула (*хели растании буттамонанд*)

болотница *ж бот.* ғеша

болотн||ый, -ая, -ое ботлоқӣ, ...и ботлоқ; **~ая вода** оби ботлоқ; **~ая сырость** заҳи ботлоқ; **~ые сапоги** музаи боглоқгардӣ; **~ая птица** паррандаи ботлоқӣ; **~ая трава** алафи ботлоқӣ ◇ **~ый газ** *хим.* гази ботлоқ, метан; **~ая курочка** *см.* **лысуха**

болото *с* 1. ботлоқ, ботқоқ; **торфяное** ~ ботлоқи торфдор; **осушение болот** хушк кардани ботлоқ 2. *перен.* беҳаракатӣ, завол, сукут, ботлоқ; **обывательское** ~ ботлоқи тангназарӣ

болт *м* 1. мехи винтдор, мехи печдор, мурват, болт 2. (*задвижка, запор*) ғалақа

болтанка *ж разг.* такон[хурӣ], бардорузан; ~ **в воздухе** таконхурӣ дар ҳаво

болта||ть I *несов.* 1. *что разг.* ҷунбондан, такон додан, лиққондан 2. *чем* алвонҷ додан, ҷунбоидан; **~ть ногами** пойҳоро ҷунбондан 3. *безл. кого-что разг.* алвонҷ додан, бардорузан кардан, ҷунбондан; **самолёт сильно ~ет** самолёт сахт бардорузан мекунад

болтать II *несов. разг.* 1. *что и без доп.* ҳарза гуфтан, лаққидан, манаҳ (ҷоғ) задан; ~ **вздор** ҳарза гуфтан 2. (*проговариваться*) пукидан, нохост гуфта мондан 3. бемалол гап задан; ~ **по-английски** ба забони англисӣ бемалол гап задан ◇ ~ **языком** лаққидан, сафсата гуфтан

болта||ться *несов. разг.* 1. ҷунбидан, алвонҷ хӯрдан, лаппидан, лиқ-лиқ кардан; **молоко ~ется в ведре** об дар сатил мелаппад; **склянки ~ются в ящике** шишаҳо дар қуттӣ лиқ-лиқ меҷунбанд 2. алвонҷ хурдан, ҷунбидан; **концы верёвки ~ются** нугҳои арғамчин алвонҷ мехуранд 3. *на ком-чём (об одежде)* васеъ будан, калон будан, фаҳул будан 4. *прост.* [бекор] гаштан, ҳел-ҳел гаштан, саланг-саланг гаштан; **где ты ~лся?** ту кучо мегаштӣ?

болтливость *ж* сергап (серманаҳ, пургу) будан(и)

болтливый, -ая, -ое (болтлив, -а, -о) лаққӣ, сергап, серманаҳ, пургӯ

болтнуть I, II *сов. однокр. к* **болтать** I, II

болтовня *ж разг.* ҳарза, гапҳои беҳуда, сафсата, музахрафот

болтов||ой, -ая, -ое *тех.* ...и мехи винтдор, ...и мехи печдор, ...и мурват, ...и болт; **~ая гайка** гайкаи болт

болторезный, -ая, -ое мехбур, мехбуранда

болтун I *м разг.* лаққӣ, сергап, серманаҳ, пургу

болтун II *м* (*неплодное яйцо*) тухми палағда

болтунья *женск. к* **болтун** I

болтушка I *ж см.* **болтунья**

болтушка II *ж прост. и обл.* 1. (*жидкая пища*) атола, пнёба, ордоба 2. (*яичница на молоке*) ёзьёзӣ 3. (*орудие для взбалтывания*) чилчӯб

болтыхать *несов. что прост.* ҷунбонда омехтан, лаппондан

боль *ж* 1. дард; **зубная** ~ дарди дандон; **головная** ~ дарди сар; **боли в желудке** дарди шикам (меъда); **острая** ~ дарди сахт; **тупая** ~ дарди сим-сим; **испытывать** ~ дард ҳис кардан; **терпеть** ~ ба дард тоб овардан; **стонать от боли** аз шиддати дард нолиш кардан 2. *перен.* дард, алам, дилсӯзӣ; **до боли жалко** дили кас месӯзад; **с ~ю в душе** бо дилсӯзӣ, бо алам

больниц||а *ж* касалхона, беморхона; **лечь в ~у** дар касалхона хобидан; **положить в ~у** дар касалхона хобонидан; **выписаться из ~ы** аз касалхона баромадан

больничный, -ая, -ое ...и касалхона, ...и беморхона; ~ **халат** яктаки (хилъати) касалхона; ~ **лист (листок)** варақаи беморӣ

больно I 1. *нареч.* сахт; ~ **ударить руку** дастро сахт зада гирифтан; ~ **обидеть** сахт озор додан 2. *в знач. сказ. безл. кому* душвор (сахт, дарднок) аст; **мне ~ дышать** дар вақти нафас кашидан [синаам] дард мекунад 3. *перен. в знач. сказ. безл. кому* аламнок аст, азият медиҳад; **ему было ~, что он не сдержал своего слова** ба ваъдаи худ вафо карда натавонистанаш ӯро азият медод

больно II *нареч. прост.* хеле, ниҳоят, бисьёр; ~ **ты хитёр** ту хеле шайтонӣ; ~ **[мне] нужно!** ба ман чӣ!, садқаи сарам!

больн||ой, -ая, -ое (бо|лен, -льна, -льно) 1. касал, бемор, мариз, дардманд, иллатнок, нотоб; **~ой мальчик** бачаи касал; **~ое сердце** дили иллатнок // *в знач. сущ.* **больной** *м*, **больная** *ж* касал, бемор; **приём ~ых** қабули беморон 2. дардмандона, беморнамо, нимҷон; **~ой вид** беморнамо; **говорить ~ым голосом** бо овози нимҷон гап задан 3. *тк. кр. ф. чем и без доп.*: **она ~а гриппом** вай грипп шудааст; **он болен корью** вай сурхча баровардааст 4. *перен.* ғайриоддӣ, ғайритабиӣ, иллатнок, ботил; **~ое воображение** хаёли ботил ◇ **~ой вопрос** масъалаи дандоншикан; **~ое место** ҷои нозук; **задеть в разговоре ~ое место** дар вақти гуфтугӯ ба қитиқи касе расндан; **валить (сваливать) с ~ой головы на здоровую** айби худро ба гардани дигарон мондан; ≈ аламн Исоро аз Мусо гирифтан

большак *м обл.* 1. (*старший сын*) писари калонӣ 2. (*старший брат*) бародари калонӣ 3. (*дорога*) рохи калон, шоҳроҳ

больше 1. *сравн. ст. к* **большой** *и к* **великий** калонтар, бузургтар; **эта комната ~ той** ин хона калонтар аз он аст 2. *сравн. ст. к* **много** беш, бештар, зиёдтар; **она сделает ещё ~** вай аз ин ҳам зиёдтар мекунад; **как можно ~** ҳар чӣ бештар; **в два раза ~** ду карат зиёдтар; **не давай ~ четырёх рублей** аз чор сӯм зиёд надеҳ; **ие ~ суток** аз як шабонарӯз дарозтар не 3. *в отриц. предложениях* дигар, дар оянда, минбаъд; **он ~ не опаздывает** вай дигар дер намемонад; **он ~ не слушает нас** вай гапи моро дигар гуш намекунад; ~ **ей не с кем поговорить** вай дигар одами ҳамгап надорад; **у меня ~ ничего нет** ман ғайр аз ин чизи дигар надорам 4. бештар, асосан, аксаран; **мне ~ нравятся горы** ба ман кӯҳсор бештар маъқул аст; **мы шли ~ по берегу** мо бештар қад-қади соҳил мерафтем ◇ ~ **того** зиёда аз он, ба замми он, ғайр аз он; ~ **чем** ниҳоят, комилан, аз ҳад зиёд; **как можно ~** ҳар чи бештар; **не (ни) ~ [и] не (ни) меньше как...** на каму на зиёд, расо

больше- қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «калон»: **большеглазый** чашмкалон, шоҳкосачашм, шаҳлочашм; **большеголовый** каллакалон, калонсар

большевизация *ж* большевиконидан(и)

большевизировать *сов., несов. кого-что* большевиконидан

большевизироваться 1. *сов., несов.* большевикӣ шудан 2. *несов. страд.* большевиконида шудан

большевизм *м* большевизм

большевик *м* большевик

большевистск||ий, -ая, -ое большевикона, большевикй, ...и большевик(ои); **~ая партия** партияи большевикон

большевичка *женск. к.* **большевик**

большеглаз||ый, -ая, -ое чашмкалон, шоҳкосачашм, шаҳлочашм; **~ая девочка** духтари шаҳлочашм

большеголовый, -ая, -ое каллакалон, калонсар

большегрузный, -ая, -ое калон, ...и боркаши калон; **~ вагон** вагони боркаши калон

большелобый, -ая, -ое васеъпешонй, пешонафарох, пешонапаҳн

большеногий, -ая, -ое сапалпой, калонпой, пойкалон

большеносый, -ая, -ое биникалон, кадубинй

большеротый, -ая, -ое калондаҳон, даҳонвасеъ, даҳонфарох

большерукий, -ая, -ое дасткалон

больш||ий, -ая, -ее *сравн. ст. к* **большой** *и к* **великий** калонтар, зиёдтар, бештар, боз ҳам зиёдтар; **я рассчитывал на ещё ~ую поддержку** умедвори дастгирии боз хам зиёдтар будам ◇ **~ей частью, по ~ей части** бештар, аксаран; **самое ~ее** фақат, танҳо, ҳамагй, зиёд бошад...; **собрание продлится самое ~ее два часа** маҷлис зиёдаш ду соат давом мекунад

большинств||о *с* аксарият, бисьёрй, қисми бисьёр, бештар; **~о голосов** аксарияти овозҳо; **абсолютное ~о голосов** аксарияти мутлақи овозҳо; **в ~е случаев** дар аксари мавридҳо, аксар вақт, аксаран

больш||ой, -ая, -ое **1.** калон, бузург; **~ой город** шаҳри бузург; **~ие глаза** чашмони калон, чашмони шаҳло **2.** тез, баланд, калон; **~ая скорость** суръати баланд **3.** зиёд, бисьёр, калон; **~ая сумма денег** пули зиёд; **~ая семья** оилаи калон **4.** сахт, зиёд, калон; комил; **~ая радость** хурсандии бузург; **~ие морозы** сармои сахт; **с ~им трудом** бо машаққати зиёд; **с ~им удовольствием** бо камоли хоҳиш, бо чону дил **5.** муҳим; **~ой секрет** сирри муҳим; **~ой вопрос** масъалаи муҳим **6.** ниҳоят, аз ҳад зиёд, бағоят, калон; **~ой добряк** одами ниҳоят раҳмдил **7.** барчаста, маъруф; **~ой учёный** олими барчаста **8.** калон, болиғ; **~ой мальчик** писарбачаи калон // *в знач. сущ.* **большие** *мн.* калонҳо ◇ **~ая буква** харфи калон; **с ~ой буквы** номдор, номй, барчаста, муътабар; **поэт с ~ой буквы** шоири номй; **~ая дорога** роҳи калон, шоҳроҳ; **Большая Медведица** *астр.* Дубби Акбар, Ҳафт Додарон; **~ой палец** нарангушт, сарангушт; **~ой приятель** шиноси наздик, ҷӯраи қарин; **~ая рука** одами бонуфуз (дастдароз); **~ие связи** шиносой (ошной) бо одамони нуфуздор; **сам ~ой** *уст.* ихтиёр ба дасти худ, соҳибихтиёр; **с (от) ~ого ума** *ирон.* аз камоли беақлй (ҳамоқат); **быть в ~ом ходу** маъмул (серистеъмол, сермасриф) будан; **делать ~ие глаза** дар тааҷҷуб мондан, ҳайрон шудан; **жить на ~ую ногу** бо фароғат зистан; гул хӯрда, гул пӯшидан; **сыграть по большой** калон-калон қимор задан

большущ||ий, -ая, -ее *прост.* хеле калон, азим; **~ее спасибо!** бисьёр ташаккур!

болячка *ж* реш, яра, римхинак, ҷароҳат

бомба *ж* бомба; **атомиая ~** бомбаи атомй; **водородная ~** бомбаи водородй; **зажигательная ~** бомбаи оташзананда ◇ **вулканическая ~** *геол.* бомбаи вулконй; **влететь как ~ (бомбой)** тирвор ворид шудан; **вылететь как ~ (бомбой)** тирвор хориҷ шудан

бомбардир *м* **1.** *уст.* тӯпзан, бомбардир **2.** *зоол.* бомбардир (*гамбуске, ки ҳангоми хатар заҳр мепошад*)

бомбардирование *с см.* **бомбардировка**

бомбардировать *несов. кого-что* **1.** (бомбаборон кардан, бомба андохтан (партофтан) **2.** *перен. разг.* безор кардан; **~ вопросами** саволборон кардан; **~ письмами** хатборон кардан

бомбардировка *ж (по знач гл.* **бомбардировать***)* бомбаборон кардан(и), бомбаандозй, бомбапартой

бомбардировочн||ый, -ая, -ое ...и бомбапартой, ...и бомбаандоз, ...и бомбапарто; **~ая авиация** авиацияи бомбаандоз

бомбардировщик *м* **1.** самолёти бомбаандоз **2.** *разг.* ронандаи самолёти бомбаандоз

бомбардирск||ий, -ая, -ое *уст.* ...и тӯпзан, ...и бомбардир; **~ая рота** ротаи тӯпзанон

бомбёжка *ж (по знач. гл.* **бомбить***)* *разг.* бомбаборонкунй, бомбаандозй, бомбапартой

бомбить *несов. кого-что* бомбаборон кардан, бомба андохтан (партофтан)

бомбовоз *м см.* **бомбардировщик** I

бомбов||ый, -ая, -ое ...и бомба; **~ый удар** зарбаи бомба; **~ые погреба** анборҳон зеризаминии бомба

бомбодержатель *м ав.* бомбадорак (*асбоби бомбаовезй дар самолёт*)

бомбомёт *м воен.* бомбаандоз, бомбомёт (*тупй махсуси киштй*)

бомбометание *с ав.* бомбаандозй, бомбапартой

бомбоубежище *с* паноҳгоҳ [аз бомба]

бомонд *м уст.* бомонд (*гурӯҳи болонишини ҷамъияти буржуазию дворянй*)

бонапартизм *м* бонапартизм (*шакли диктатураи буржуазияи калон дар замони диктатураи Наполеони Бонапарт*)

бонапартист *м* пайрави бонапартизм

бонапартистский, -ая, -ое ...и бонапартизм

бонбоньерка *ж уст.* қанддон, конфетдон

бонвиван *м уст.* айшпараст, айёш

бондарн||ый, -ая, -ое ...и бочкасозй, ...и чалаксозй; **~ое производство** корхонаи бочкасозй (чалаксозй); **~ые изделия** бочкаҳо, чалакҳо

бондарь *м* бочкасоз, чалаксоз

бонза *м* **1.** бонза (*рӯҳонй ва роҳиби буддой дар Япония ва Хитой*) **2.** *разг. пренебр.* худписанд, мағрур, ҳавобаланд (*хислати мансабдорон*)

бонитет *м лес.* бонитет (*нишондиҳандаи сифати бешазор, ки ба иқлим ва нигоҳубин вобаста аст*)

бонитировка *ж с.-х.* бонитировка (*баҳодиҳй ба сифати ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ*)

бонна *ж уст.* бонна, мураббия

боны I *мн.* (*ед.* **бона** *ж*) *фин.* бонаҳо (1. *санад барои гирифтани чизҳои қиматбаҳо аз қабили пул, мол ва ғ.* 2. *пули когазии муваққатй*)

боны II *мн.* (*ед.* **бои** *м*) (*плавучие ограждения*) ғавхои обй (*барои ба тартиб овардани салкашй ва гирифтани пеши роҳи киштиҳои душман*)

бор I *м* санавбарзор, чангали дарахтони санавбар ◇ **с ~у да с сосенки** *погов.* ≈ аз ҳар палак як хандалак; **откуда (из-за чего) сыр-бор загорелся?** аз кучо ин шӯру ғавғо хест?

бор II *м хим.* бор (*элементи химиявй*)

бор III *м мед.* бор (*пармаи дандон*)

бора *ж* (*ветер*) кӯҳбод

бордо I *с нескл.* (*сорт вина*) бордо (*навъи шароби сурх*)

бордо II *неизм. прил.* (*тёмно-красный*) сурхи баланд, қирмизй

бордовый, -ая, -ое *разг. см.* **бордо** II

бордюр *м* ҳошия, канора

борение *с* (*по знач. гл.* **бороться**) *высок.* набард, фидокорй, ҷонсупорй

борец I *м* **1.** мубориз; **борцы за свободу** муборизони роҳи озодй **2.** *спорт.* гӯштингир

борец II *м бот. см.* **аконит**

боржом *м* боржом (*оби шифобахши минералй*)

боржомный, -ая, -ое ...и боржом; **~ источник** чашмаи боржом

борзой, -ая, -ое тозй // *в знач. сущ.* **борзая** *ж* саги тозй

борзопис||ец *м ирон.* қаламкаши беҳунар; **продажные ~цы буржуазной прессы** қаламкашони зархариди матбуоти буржуазй

борзый, -ая, -ое *уст. и нар.-поэт.* чолок, бодпо; **~ конь** аспи бодпо

борзятник *м* **1.** *охот.* (*псарь*) сагбон, кучукбон **2.** *уст.* (*любитель охоты с борзыми*) ишқбози шикор бо сагҳои тозй

бормашина *ж* бормашина (*дастгоҳи парма кардани дандон*)

бормотанье *с* (*по знач. гл.* **бормотать**) ғур-ғур (ғурунг-ғурунг, ғинг-ғинг) кардан(и); (*звуки*) ғур-ғур, ғурунг-ғурунг, ғинг-ғинг; **до нас доносилось чьё-то ~** ғурунг-ғурунги касе ба гуши мо мерасид

бормотать *несов. что и без доп.* ғур-ғур (ғурунг-ғурунг, ғинг-ғинг) кардан; **~ под нос** *прост.* зери лаб ғур-ғур кардан

бормотун *м разг.* ғинг-ғингкунанда, ғингосй

бормотунья *женск. к.* **бормотун**

бори||ый, -ая, -ое ...и бор, борй; **~ая кислота** кислотаи (туршии) бор

бóров *м* 1. хуки ахта 2. *перен прост.* одами фарбеҳи дабанг

боровик *м обл.* қорчи сафед

боровинка *ж (дерево)* дарахти себи боровинка; *(плод)* себи боровинка

борода *ж* 1. *(у человека)* риш; **отпустить бóроду** риш мондан; **носить бороду, ходить с бородой** риш монда гаштан; **седина в бóроду, а бес в ребрó** *посл.* ≈ пирию хартозӣ 2. *(у животных и птиц)* лачак ◇ **смеяться в бóроду** ришханд задан

бородáвк||а *ж* озах, севол, ағаз; **свести ~у** озахро нест кардан

бородавчатый, -ая, -ое озахдор, севолдор, серозах

бородатый, -ая, -ое (бородат, -а, -о) 1. *(о человеке)* ришдор, ришкалон, серриш 2. *(о животных и птицах)* лачакдор

бородáч *м* 1. *разг.* ришкалон 2. *бот.* гургиёҳ

борóдка *ж* 1. *уменьш. к* **бородá** 1 риши хурд, ришча 2. *(у ключа)* забонаки калид

бороздá *ж* 1. *(от пахотного орудия)* огард, чуяк , шияр; **проводить бóрозды** чуяк кашидан // *(углубление между грядками)* чуяк // *(след на воде)* паи (изи) киштӣ 2. *перен.* чин, оҷинг, ожанг; **ствол дéрева, покрытый ~ми** танаи пурчини дарахт

бороздú||ть *несов. что* 1. огард кардан, чуяк кашидан // *(оставлять следы)* пай (из) гузоштан; **лóдки ~ли вóду** завраҷҳо дар руи об из монда мегузаштанд; **лыжи ~ли снег** лыжаҳо барфро бурида мерафтанд 2. *перен.* ба хар су бурида гузаштан; **морщúны ~ли лоб** дар пешонӣ оҷингҳо пайдо шуда буданд

бороздúться *несов. страд.* огард карда шудан, чӯяк кашида шудан; пай (из) гузошта шудан

бороздка *ж* 1. *уменьш. к* **бороздá**; 2. *см.* **бороздá** 2

борозднúк *м с.-х.* огардкаш, чӯяккаш

бороздовóй, -áя, -óе ...и огард, ...и чуяк; ~ **посéв** кишти чуяк

борóздчатый, -ая, -ое огарддор, чуякдор

боронá *ж с.-х.* мола, сихмола, дандона; **дúсковая** ~ чархмола

боронúльщик *м* молакунанда

боронúть *несов. что* мола (дандонакашӣ) кардан; ~ **поле** заминро мола кардан

боронованúе *с (по знач. гл.* **боронúть)** молакунӣ, дандонакашӣ

бороновáть *несов. см.* **боронúть**

бороновóй, -áя, -óе ...и мола, ...и дандонакашӣ

бороньбá *ж обл. см.* **боронованúе**

борóться *несов.* 1. *с кем-чем, против кого-чего* гушти гирифтан // *(сражаться)* ҷангидан, ҷанг кардан; ~ **с врагóм** зидди душман ҷангидан // *тж. за что и без доп. (состязаться)* мусобиқа кардан, басмабас (зурозмоӣ) кардан; саъй (кушиш) кардан 2. *с чем, за что, против чего* мубориза (талош) кардан; ~ **за мир** дар роҳи сулҳ мубориза кардан; ~ **с хищéниями** бо дуздӣ мубориза кардан 3. *перен. (о чувствах, стремлениях)* ба ҳам бархурдан; **в нём боролись желáние и рóбость** дар дили вай майлу хоҳиш ва тарсу ҳарос ба ҳам бармехурданд ◇ ~ **с [самúм] собóй** ба тавфиқ омадан

борт *м* 1. *(судна, автомобиля, самолёта)* борт, лаба, канор, девора 2. *(одежды)* бари либос 3. *(бильярдного стола)* девораи мизи бильярд ◇ **бóрт ó борт** паҳлу ба паҳлуи ҳамдигар *(оид ба киштиҳо)*; **на ~ý корабля** болои киштӣ; **брать (взять) нá борт** савори киштӣ кардан, ба киштӣ бор кардан; **выкинуть (выбросить) зá борт** *кого-что* радди маърака кардан, дур андохтан; **оказáться (остáться)** за **бóртом** аз маърака берун мондан

бортев||óй, -ая, -ое *уст.* ...и хонаи занбури асал *(дар ковокиҳои дарахт)*; **~óе пчеловодство** занбуриасалпарварӣ *(дар ковокиҳои дарахт)*

бортинженер *м ав.* бортинженер *(инженери самолёт, вертолёт, сафинаи кайҳонӣ ва ғ.)*

бортмехáник *м ав.* бортмеханик *(узви экипаж, ки ба кори моторҳо ва дигар асбобҳо масъул аст)*

бортник *м уст.* парваришкунандаи занбури асал

бóртничать *несов. уст.* занбури асал парваридан

бóртиичество *с уст.* занбуриасалпарварӣ

бортóвка *ж портн.* мағзӣ, лаба, ҳошия *(матои дурушти катонӣ барои лаблула)*

бортов||óй, -áя -óе болои ..., ...и болои киштӣ; **~óй журнáл** журнали киштӣ; **~áя кáчка** из паҳлу ба паҳлу алвонҷ хурдани киштӣ; **~óй пулемёт** пулемёти болои киштӣ (самолёт)

бортрадúст *м ав.* бортрадист *(узви экипаж, ки ба кори радио назорат мекунад)*

борть *ж уст.* занбурхона *(дар ковокии дарахт)*

борщ *м* карамшурбо, борщ

борьбá *ж* 1. *(схватка)* гуштӣ, гуштигирӣ; **завязать борьбý** гуштигирӣ сар кардан // *(сражение, битва)* муҳориба, талош, ҷанг; **ожесточённая** ~ ҷанги сахт // *(состязание)* мусобиқа, зурозмоӣ; саъю кушиш; ~ **за пéрвое место** мусобиқа барои гирифтани ҷои якум 2. *(столкновение групп, интересов, направлений)* мубориза; **клáссовая** ~ муборизаи синфӣ; ~ **пáртий** муборизаи партияҳо; **экономúческая** ~ муборизаи иқтисодӣ // *с кем-чем, за что* мубориза, талош; ~ **с силами прирóды** мубориза бо қувваҳои табиат; ~ **с брáком** мубориза бо сақат; ~ **за мир** мубориза барои сулҳ 3. *(столкновение чувств)* ба ҳам бархурдани эҳсосот; **в нём шла внýтренняя** ~ дилаш аз эҳсоси мухталиф саршор буд ◇ ~ **противополóжностей** *филос.* муборизаи тазоддҳо; ~ **за существование** *биол.* талоши зиндагӣ, мубориза барои ҳаёт

босикóм *нареч.* пойлуч, побараҳна; **ходить** ~ побараҳна гаштан

бос||óй, -áя, -óе (бос, -á, -о) пойлуч, побараҳна; **~óй мальчугáн** бачаи пойлуч; **ступáть ~ыми ногáми** пойлуч гаштан; **на бóсý нóгу** ба пои луч

босонóгий, -ая, -ое пойлуч, побараҳна

босонóжка *ж* 1. зани (духтари) побараҳна 2. *мн.* **босонóжки** босоножка *(кафши сабуки занона)*

босс *м* хуҷаин, саркор, соҳиб, босс

бостóн *м* бостон (1. *навъи моҳути нозуки қиматбаҳо* 2. *навъи қартабозӣ* 3. *як хел рақс)*

бостóновый, -ая, -ое *разг.* ...и бостон; ~ **костюм** костюми бостон

босяк *м* пойлуч, бенаво

босяцк||ий, -ая, -ое ...и пойлуч, бенавоёна, қашшоқона; **~ая жизнь** зисти пойлучон; **~ие лохмóтья** пушоки чиғда-чиғда, жанда

босячество *с* 1. зисти пойлучон 2. *собир.* пойлучон, бенавоён

бот I *м (небольшое судно)* киштичаи яксутуна

бот II *м см.* **бóты**

бóтало *с обл.* 1. *(колокольчик)* зангулача, ҷарас 2. *(шест)* хода

ботáник *м* ботаник, набототшинос

ботáника *ж* ботаника, илми наботот

ботанúческий, -ая, -ое ...и ботаника, ...и наботот, ботаникӣ; ~ **сад** боғи ботаникӣ

ботвá *ж* баргу пояи растаниҳои бехмева; ~ **картóфеля** баргу пояи картошка

ботвúнья *ж* ботвинья, лаблабушӯрбо, лаблабуҷушак

бóтик I *м уменьш. к* **бот** I

бóтик II *м см.* **бóтики**

бóтики *мн. (ед.* **бóтик** *м) см.* **бóты**

ботúнки *мн. (ед.* **ботúнок** *м)* ботинка

ботфóрты *мн. (ед.* **ботфóрт** *м) уст.* музаи соқдароз

бóты *мн. (ед.* **бот** *м)* калӯши соқдор, боты

бóцман *м мор.* боцман *(командири хурди киштӣ, ки корҳои хоҷагиро идора мекунад)*

бóцманский, -ая, -ое ...и боцман; ~ **свистóк** ҳуштаки боцман

бочáг *м обл. (омут)* гуми дарьё (кул, ботлоқ)

бочáр *м см.* **бóндáрь**

бочáрн||ый, -ая, -ое ...и бочкасозӣ; ...и чалаксозӣ; **~ое произвóдство** чалаксозӣ, бочкасозӣ; **~ая клёпка** парчинмехи бочка (чалак)

бочáрня *ж* корхонаи бочкасозӣ (чалаксозӣ)

бóчечн||ый, -ая, -ое ...и бочка, ...и чалак, бочкагӣ; **~ое пиво** пивои бочкагӣ

бóчк||а *ж* 1. *(сосуд)* бочка, чалак 2. *уст. (мера жидкости)* бочка, чалак *(андоза, ченак, қариб 480 литр)* 3. *ав.* бочка *(яке аз намудҳои санъати олии самолётронӣ)* ◇ **бездóнная ~а** *шутл.* чоҳи бетаг; **как ~а** хум барин; **как из пустóй ~и** бо ҷарангос; мисли

браслéт *м* дастпона, бозубанд

браслéтка *ж разг.* дастпоначa, дастпонаи (бозубанди) хурд

браслéтн||ый, -ая, -ое ...и дастпона, ...и бозубанд; **~ая застёжка** сагаки дастпона, занҷираи бозубанд

брасс *м спорт.* брасс (*услуби махсуси шиновари̅*)

брат *м* 1. бародар; (*старший*) бародар, ака; (*младший*) додар, ука, уко; **роднóй ~** бародари зоида, додари айни̅, бародари аз як падару модар; **свóдный ~** бародари угай; **единокрóвные ~ья** бародарони падаряку модарҷудо; **единоутрóбные ~ья** бародарони ҳамбатн, бародарони модаряку падарҷудо; **двоюродный ~** амакбача, аммабача, тағобача, холабача; **молочный ~** бародари ширхура; **нáзваный ~** додархонд 2. *высок.* ҳамкор, ҳаммаслак, ҳампеша; **~ья по борьбé** бародарони ҳаммаслак 3. *обращ.* бародар, додар, ака, ука, ҷӯра; **я, ~, этого не знал** ман, бародар, инро намедонистам 4. *церк.* роҳиб ◇ **ваш ~** тоифаи шумо, шумо баринҳо; **на вáшего ~а** ба тоифаи шумо; **наш ~** мо, мо баринҳо; **свой ~** аз они (одами) худи̅; **на ~а** ба ҳар сар, ба ҳар кас; **по три рубля́ на ~а** ба ҳар кас сесуми̅; **с ~а** аз ҳар кас; **по рублю с ~а** аз ҳар кас яксуми̅; **ни сват ни ~** *кому прост.* на хешу на дарвеш; **емý [сам] чёрт не ~** *прост.* одами зум, худаш подшоҳ — табъаш вазир

братáн *м обл.* (*родной брат*) додари айн[и̅]; (*двоюродный брат*) амакбача, холабача

братáние *с* (*по знач. гл.* **братáться**) ёру бародар шудан(и); дасти бародари додан(и)

брататься *несов. с кем* 1. [ёру] бародар шудан, аҳди бародари бастан; **солдáты стали ~** солдатҳо ёру бародар шудан гирифтанд 2. ҷӯра (дуст, рафиқ) шудан, дасти бародари додан

братвá *ж собир. прост.* бародарон, дӯстон, ҷураҳо

братец *м ласк. к* **брат** 1, 3

братина *ж уст.* чом, соғар

братишка *м разг.* 1. *ласк. к* **брат** 1, 3; 2. (*маленький брат*) додарак, додарча

брáтия *ж собир.* 1. *шутл.* бародарон, ҳаммаслакон 2. *церк.* тоифаи роҳибон, ихвон

брáтний, -яя, -ее *уст. см.* **брáтнин**

брáтнин, -а, -о *разг.* аз они бародар, аз они додар

братóк *м ласк. к* **брат** 3

братоубийственн||ый, -ая, -ое ...и бародаркуши̅; **~ая войнá** ҷанги бародаркуши̅

братоубийство *с* 1. *уст.* бародаркуши̅ 2. якдигаркуши̅

братоубийца *м, ж уст.* бародаркуш

брáтски *нареч.* бародарона, бародарвор, дустона, аҳлона; **онй ~ обнялйсь** онҳо бародарвор ҳамдигарро оғуш карданд

братск||ий, -ая, -ое 1. ...и бародари, бародарона, бародарвор; **любить ~ой любóвью** бародарвор дуст доштан 2. бародарона, рафиқона, дӯстона; **~ая семья́ нарóдов** оилаи бародаронаи халқҳо; **~ий привéт** саломи бародарона ◇ **~ая могила** қабри шаҳидон

брáтство *с* 1. бародари, дӯсти̅; **~ нарóдов** бародарии халқҳо 2. ҷамъияти дини̅; **масóнское ~** ҷамъияти масони̅

брáтчина *ж ист.* шарикона, ҳарифона (*аз ҳисоби умум, баъди ҷамъоварии ҳосил дар тирамоҳ ва ё зимистон ҷашн барпо кардани деҳқонон*)

брать *несов.* 1. *кого-что* гирифтан, бардоштан; **~ рукáми** бо даст гирифтан; **~ в рýки (нá руки)** ба даст гирифтан; **~ из рук у когó-л.** аз дасти касе гирифтан 2. *что перен.* интихоб кардан, баргузидан, хоста гирифтан; **~ ~ тéму для сочинéния** барои иншо мавзуъ интихоб кардан; **~ для примéра** барои мисол гирифтан 3. (*клевать — о рыбе*) ба шаст афтидан; **здесь ры́ба хорошó берёт** дар ин ҷо моҳи̅ тез ба шаст меафтад 4. *кого-что* гирифта бурдан, бурдан; **~ собáку на охóту** сагро ба шикор бурдан 5. *кого-что* ба уҳда (ба зимма) гирифтан; **~ ребёнка на воспитáние** кудакро ба тарбия гирифтан; **~ поручéние** супориш (вазифа) гирифтан 6. *кого-что* гирифтан; **~ в долг** қарз гирифтан; **~ таксй** такси киро кардан; **~ вáнны** ванна қабул кардан; **~ урóки** дарс хондан, омухтан; **~ урóки англййского языкá** дарси забони англиси̅ хондан (*аз касе*) 7. харидан, гирифтан; **~ билéты в теáтр** ба театр билет гирифтан (харидан); **~ обéды из столóвой** аз ошхона таом гирифтан 8. *что* ситондан, рӯёндан, гирифтан; **~ пóшлину** боҷ гирифтан; **~ штраф** ҷарима гирифтан; **~ плáту** ҳақ гирифтан 9. *что* ҳосил кардан, кандан; **~ рудý** маъдан кандан 10. *что* бофта баровардан; **откýда он это берёт?** вай инро аз куҷо бофта мебарорад? 11. *кого-что* гирифтан, ишғол (забт) кардан, ба даст даровардан; **~ крéпость прйступом** қалъаро зер карда гирифтан; **~ в плен** асир кардан 12. *кого-что перен.* фаро гирифтан; **меня берёт дрожь** маро ларза гирифта истодааст; **его берýт сомнéния** у ба шубҳа меафтад 13. *кого охот.* доштан, дунболагири̅ (таъқиб) кардан; **собáки брáли кабанá** сагҳо гурозро дунболагири̅ мекарданд 14. *что* ҷаҳида гузашган, гузаштан; **~ подъём** аз баланди̅ гузаштан; **~ барьер** аз монеа ҷаҳида гузаштан 15. *чем* муваффақ (ноил) шудан, ба мақсад расидан; **он берёт смéлостью** вай ба туфайли ҷасорати худ ноили мақсад мешавад 16. *что* гирифтан, хурдан; **эта рабóта берёт мнóго врéмени** ин кор вақтро бисьёр мегирад 17. *что чаще с отриц. разг.* гирифтан, гузаштан; **этот грунт лопáта не берёт** бел ба ин замин намеғутад 18. *без доп.* паррондан, задан; **винтóвка берёт на трйста мéтров** ин милтиқ аз сесад метр мезанад 19. *разг.* ба суе рафтан, майл кардан; **дорóга берёт влéво** роҳ ба тарафи чап меравад ◇ **~ быка за рога** якбора ба кори асоси̅ шуруъ кардан; **~ верх** дастболо шудан, ғолиб омадан; **~ гóлыми рукáми** осон ба даст даровардан, бе заҳмат комьёб шудан; **~ грудь** синаи модарро макидан, сина гирифтан; **~ измóром** безор карда ба мақсад расидан; **~ курс** ба сӯе роҳ гирифтан (роҳи̅ шудан); **~ начáло** сар шудан, баромадан; **~ нóту** *муз.* нота навохтан (хондан); **~ обещáние** ваъда гирифтан; **~ примéр с когó-л.** ибрат гирифтан аз касе; **~ свой словá назáд** аз қавли худ гаштан; **~ себя в рýки** худдори̅ кардан, худро ба даст гирифтан; **~ слóво** иҷозати сухан гирифтан; **~ слóво с когó-л.** аз касе қавл гирифтан; **~ чью-л. стóрону** тарафи касеро гирифтан, касеро тарафгири̅ кардан; **~ в клéщй** ба шиканҷа гирифтан; **~ в оборóт когó-л.** 1) касеро маҷбуран кор фармудан; 2) касеро танбеҳ додан (сарзаниш кардан); **~ в расчёт** ба ҳисоб гирифтан; **~ за бокá когó-л.** *прост.* касеро ба коре маҷбур кардан; **~ когó-л. за глóтку (горло, жáбры)** *прост.* аз гулӯи касе гирифтан; **~ зá сердце (зá душу, за живóе)** *кого* ба ҳаяҷон овардан, мутаассир кардан; **~ на абордáж** часпидан, дарафтодан, ҳамла кардан; **~ нá борт** савори кишти̅ кардан, ба кишти̅ бор кардан; **~ на буксйр** ёри (мадад) расондан; **~ грех нá душу** гуноҳро ба гардан гирифтан; **~ на замéтку** ба назар (қайд) гирифтан; **~ на замечание** ба таҳти назорат гирифтан; **~ на испýг когó-л.** касеро тарсондан, ба касе дӯғ задан; **~ на мýшку** таъқиб кардан; **~ на порýки** ба кафолат гирифтан; **~ на пýшку** *кого прост.* фиреб (фанд) додан, фирефтан; **~ на себя [смéлость]** ҷуръат кардан; **~ под [свою] защйту** *кого-что* таҳти ҳимояи худ гирифтан; **~ под козырёк** саломи ҳарби̅ додан; **~ под сомнéние** зери шубҳа гирифтан; **~ с бóю** бо ҷангу ҷанҷол ба даст даровардан; **~ с потолкá** аз ҳаво гирифтан, бофта баровардан; **нáша берёт** мо ғалаба мекунем, дасти мо болост; **не ~ в рот** ба даҳон нагирифтан, нахурдан, нанӯшидан; *см. тж.* **взять**

брáться *несов.* 1. *за кого-что* гирифтан, доштан, даст расондан; **~ за перйла** панҷараи зинаро доштан 2. *за что* даст задан, шуруъ кардан; **~ за рабóту** ба кор сар кардан; **~ за кнйги** ба мутолиаи китоб шуруъ кардан; **~ за орýжие** ярок ба даст гирифтан 3. *с неопр.* қавл додан, уҳдадор шудан, ба зимма гирифтан; **я не берýсь всё переписáть** ман рунавис кардани ҳамаи инро ба уҳда намегирам 4. пайдо шудан; **откýда тóлько сйлы берýтся?** қувват аз куҷо пайдо мешуда бошад? 5. *страд.* гирифта шудан; баргузида шудан; бурда шудан; ◇ **~ за ум** боақл шудан

брáунинг *м* браунинг (*навъи таппонча*)

брахицефáл *м антроп.* брахицефал, каллапачак, ҳапалақсар (*одаме, ки*

овози гови бешир; **как сельди (как сельдей) в** ~е тиққаву танба, бисьёр зич; **~а мёду да ложка дёгтю** *погов.* ≈ аз касофати як шум сузад шаҳри Рум

бочковый, -ая, -ое *см.* **бочечный**

бочком *нареч. см.* **боком**; **сесть** ~ якпаҳлу нишастан; **он** ~ **пробрался к выходу** у якпаҳлу шуда берун баромад

бочонок *м* бочкача, чалакча

боязливо *нареч.* бо тарс, ҳаросон, буздилона; ~ **озираться** ҳаросон чашм давондан

боязливость *ж* тарсончакӣ, ҳаросонӣ, буздилӣ, тарсончак (буздил) будан(и), тарсуӣ

боязливый, -ая, -ое (боязлив, -а, -о) тарсончак, тарсу, буздил; чарс; тарсомез, ҳавломез; ~ **человек** одами тарсу; ~ **олень** гавазни чарс; ~ **шёпот** пичир-пичири тарсомез

боязно *в знач. сказ. прост.* воҳиманок аст, ваҳмангез аст; **одному идти** ~ танҳо рафтан воҳиманок аст

боязнь *ж* тарс, бим, ҳарос, хавф, ваҳм

боярин *м* (*мн.* **бояре**) *ист.* боярин (1. *унвони ашрофи Руси Қадим* 2. *заминдори калон)*

боярск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и боярин, ...и боярҳо, боярӣ; ~**ие земли** заминҳои боярин; ~**ий дом** хавлии боярин; ~**ая дума** думаи боярҳо ◇ ~**ие дети** боярзодаҳо; майдапомещикҳо

боярство *с собир. ист.* боярҳо, табақаи боярҳо

боярыня *ж* 1. *ист.* занаки боярин, боярзан 2. *уст. (барыня)* зани ашроф, бону

боярышник *м* *(кустарник)* буттаи дулона; *(плоды)* дулона

боярышница *ж (бабочка)* холшапалак *(шапалаки сафеди холи парҳояш сиёҳ)*

боярышня *ж ист.* бояpдухтар

бояться *несов.* 1. *кого-чего и с неопр.* тарсидан, ваҳмидан, бим доштан, ҳаросидан; хавф бурдан, хавотир шудан; **волков** ~ — **в лес не ходить** *посл.* ≈ аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор; **боюсь простудиться** аз шамол хурдан метарсам; ~ **критики** аз танқид тарсидан 2. *чего* вайрон шудан, тоб наовардан; **клей боится сырости** елим аз нами вайрон мешавад; **растения боятся темноты** торикӣ ба растаниҳо зарар дорад ◇ **боюсь сказать (назвать)** аник намедонам; ~ **как чёрт ладана** мурданивор тарсидан; **дело мастера боится** *погов.* ≈ гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб

бра *с нескл.* бра *(чароғи деворӣ)*

бравада *ж* далертарошӣ, мардонагии сохта

бравирование *с* (*по знач. гл.* **бравировать**) далертарошӣ, чусуртарошӣ

бравировать *несов. чем и без доп.* далертарошӣ (ҷасуртарошӣ) кардан, худро ҷасур вонамуд кардан; ~ **опасностью** беэҳтиётӣ кардан, бо думи шер бозӣ кардан

брависсимо *межд.* офарин, бале, аҳсан, боракалло

браво *межд.* офарин, бале, шобош

бравурно *нареч. муз.* рӯҳафзо, бо шавқи тамом, шавқовар; ~ **сыграть увертюру** сарахборро бо шавқи тамом навохтан

бравурный, -ая, -ое *муз.* руҳафзо, шавқовар; ~ **марш** марши рӯҳафзо

бравый, -ая, -ое далернамо, ҷавонмарднамо; ~ **мужчина** марди далернамо

брага *ж* буза

брада *ж уст. поэт.* риш

брадобрей *м уст.* риштарош, сартарош

бражка *ж* 1. *ласк. к* **брага** бӯза; 2. *(особый вид браги)* бӯзаи махсус

бражник *м уст.* бӯзахӯр, майпараст

бражничать *несов. уст. и обл.* бузахурӣ (майхурӣ) кардан, мастӣ кардан

бражничество *с уст.* бӯзахӯри (майхурӣ) карда гаштан(и), маст шуда гаштан(и)

бразда *ж уст. поэт.* огард, чуяк

бразды *мн. уст. (конские удила)* ҷилав, лаҷом; инон ◇ ~ **правления** *высок.* инони хокимият, инони ихтиёр

бразилец *м* бразилиягӣ

бразильский, -ая, -ое бразилиягӣ ...и бразилиягиҳо, ...и Бразилия

бразильцы *мн.* бразилиягиҳо, аҳолии Бразилия

бразильянка *ж* бразилиягизан, бразилиягидухтар, зани (духтари) бразилиягӣ

брак I *м* никоҳ, ақди никоҳ, издивоҷ; **вступить в** ~ никоҳ кардан; *(о мужчине)* зан гирифтан; *(о женщине)* шавҳар кардан; **расторгнуть** ~ талоқ додан, ҷудо шудан; **состоять в** ~е хонадор будан; *(о мужчине)* зан доштан; *(о женщине)* шавҳар доштан; **гражданский** ~ 1) никоҳи ғайрикалисоӣ 2) *уст. разг.* издивоҷи ғайриқонунӣ; **церковный** ~ никоҳи калисоӣ; **законный** ~ *уст.* никоҳи конунӣ, никоҳи расмӣ; **фактический** ~ никоҳи ғайрирасмӣ; **групповой** ~ *ист.* никоҳи гурӯҳӣ

брак II *м* брак, нуқсон, сақат *(маҳсулоти нуқсондор)*; **чулки с** ~**ом** ҷуроби брак; **литературный** ~ асари пурнуқсон

бракёр *м* бракёр, саравусақаткунанда

бракераж *м* бракераж, саравусақаткунӣ

бракование *с см.* **браковка**

бракованный, -ая, -ое 1. *прич.* брак кардашуда, иллатдор (нуқсондор) ёфташуда 2. *прил.* бракшуда, иллатдор, нуқсондор, сақат; ~ **товар** моли сақат (бракшуда)

браковать *несов. что* 1. брак кардан, иллатдор (сақат) донистан 2. рад кардан; ~ **проект** лоиҳаро рад кардан

браковаться *несов. страд.* брак карда шудан, сақат дониста шудан

браковка *ж (по знач. гл.* **браковать**) брак кардан(и), сақат донистан(и)

браковочный, -ая, -ое ...и браккунӣ, ...и **саравусақат кардан(и)**

браковщик *м* браккунанда, саравусақаткунанда, бракро (сақатро) ҷудокунанда

браковщица *женск. к* **браковщик**

бракодел *м* браккор, ҳаромкор, сақаткор

бракодельство *с* браккорӣ, ҳаромкорӣ, сақаткорӣ

браконьер *м* қӯруқшикан

браконьерский, -ая, -ое ...и қуруқшикан

браконьерство *с* қӯруқшиканӣ

бракоразводный, -ая, -ое ...и талоқ, ...и талоқдиҳӣ, ...и ҷудошавӣ; ~ **процесс** мурофиаи талоқдиҳӣ

бракосочетани||е *с книжн.* ақди никоҳ; **Дворец** ~**й** Қасри ақди никоҳ

браман *м см.* **брахман**

браманизм *м см.* **брахманизм**

брамин *м уст. см.* **брахман**

брамсель *м мор.* брамсель *(бодбони баланду рости киштӣ)*

брандахлыст *м прост.* 1. *(плохая жидкая еда)* шулдурма тезоб, оби раббано 2. *бран.* айёш

брандвахта *ж мор.* брандвахта (1. *киштии посбони бандар* 2. *киштии ёрирасон, ки чун истиқоматгоҳ истифода мешуд)*

брандер *м мор.* брандер (1. *киштии пур аз моддаҳои тарканда* 2. *киштие, ки барои бастани даромадгоҳи бандар ғарқ мекунанд)*

брандмайор *м уст.* брандмайор *(сардори дастаҳои оташнишонии шаҳр)*

брандмауэр *м* брандмауэр *(девори махсуси бино барои пешгирӣ кардани паҳншавии сӯхтор)*

брандмейстер *м уст.* брандмейстер *(сардори дастаи оташнишонон)*

брандспойт *м* брандспойт (1. *нӯги рудаи обпошак* 2. *насоси обкаши киштӣ)*

бранить *несов. кого-что* сарзаниш (коҳиш) кардан, дашном додан, ҳақорат кардан

браниться *несов.* 1. *с кем и без доп. (ссориться)* ҳамдигарро сарзаниш кардан, ҷанҷол (моҷаро) кардан 2. *(ругаться)* ҳақорат кардан, дашном додан

бранливый, -ая, -ое (бранлив, -а, -о) *см.* **бранчливый**

бранн||ый I, -ая, -ое ...и дашном, ...и ҳақорат, ҳақоратомез; ~**ые слова** ҳақорат, алфози қабеҳ

бранн||ый II, -ая, -ое *уст. поэт. и высок.* ...и ҷанг, ...и муҳориба, ...и разм, ҷанговарона, ...и мардонагӣ; ~**ая слава** шуҳрати ҷанговарона; ~**ое поле** корзор

бранчливый, -ая, -ое (бранчлив, -а, -о) *прост.* ҷангҷуй, ҷангара, ҷанҷолӣ

бран||ый, -ая, -ое *уст.* гулдор, сернақшу нигор, нақшин; ~**ая скатерть** дастархони гулдор

брань I *ж (ругань)* дашном, ҳақорат, носазо, сарзаниш

бран||ь II *ж уст. поэт. и высок.* ҷанг, муҳориба, пархош, разм ◇ **на поле** ~**и** дар корзор

брас *м мор.* брас *(таноби зерсутуни бодбон)*

бари косаи сараш нисбат ба қади он васеътар аст)

брахицефалия *ж антроп.* брахицефалия

брахман *м* бараҳман *(одами табақаи олӣ дар Ҳиндустон)*

брахманизм *м* бараҳманизм, дини Барахмо *(дини Ҳиндустони қадим)*

брачн||ый, -ая, -ое 1. никоҳӣ, ...и никоҳ, ...и издивоҷ; ~**ое свидетельство** шаҳодатномаи (хати) никоҳ; ~**ый союз** акди никоҳ; ~**ое ложе** бистари арусу домод 2. *зоол.* ...и васл, ...и ҷуфтикунонӣ, ...и бордоркунӣ, ...и бордоркунонӣ; ~**ое оперение** болу пари давраи ҷуфтшавӣ; ~**ый период** мавсими ҷуфтшавӣ (бордоркунонӣ)

брашпиль *м мор.* брашпиль *(ғарғараи лангарбардори киштӣ)*

бревенчат||ый, -ая, -ое ғулачубӣ; ~**ые стены** деворҳои ғулачубӣ

бревно *с* 1. ғулачуб, болор 2. *бран.* одами лаванд (кундзеҳн, бесулуқай)

брег *м уст. поэт.* соҳил, канор, лаб

брегет *м уст.* брегет *(соати қадимӣ, ки бисьёр дақиқ буда, рӯзҳои моҳро ҳам нишон медод)*

бред *м* 1. алоигуӣ, ҳазьён; **больной в** ~**у** бемор алой мегуяд 2. *разг.* бемаънигӣ, сафсата, ёва

бредень *м рыб.* бредень *(як хел тури хурди моҳигирӣ)*

бредить *несов.* 1. *(во сне, в беспамятстве)* алой (ҳазьён) гуфтан 2. *кем-чем* побанди фикру хаёле будан, ба фикру хаёл ғута хурдан, шайдой (савдой) будан; ~ **стихами** доимо дар фикру хаёли шеър будан

бредит||ься *несов. безл.* ба хаёл омадан, ҳеҷ аз хаёл нарафтан, ба пеши назар истодан; **ему всё** ~**ся летний поход** сафари тобистона ҳеҷ аз хаёлаш намеравад

бредни *тк. мн.* хазьён, сафсата, ҳарза, хаёли хом

бредов||ой, -ая, -ое *и разг.* **бредовый**, -ая, -ое 1. ...и алоигуӣ, ...и хазьён, ҳазьёнӣ, ҳазьёномез; ~**ое состояние** ҳолати алоигуӣ; ~**ой сон** хоби ҳазьёномез 2. *(нелепый, фантастический)* бемаънӣ, хом, беҳуда, пуч; ~**ая идея** фикри ботил, хаёли хом

брезга||ть *несов. кем-чем и с неопр.* нафрат кардан, ҳазар кардан, кароҳат доштан; **он ничем не** ~**ет** вай аз ҳеҷ чиз ҳазар намекунад

брезгливец *м см.* **брезгун**

брезгливо *нареч.* бо нафрат, бо ҳазар, бо кароҳат, кароҳатомез, нафратомез; ~ **поморщиться** бо нафрат руй турш кардан

брезгливост||ь *ж* нафрат, танаффур, ҳазар, кароҳат; **чувство** ~**и** ҳисси нафрат

брезгливый, -ая, -ое (брезглив, -а, -о) боҳазар, бонафрат, нафратомез, кароҳатомез; ~ **взгляд** нигоҳи пурнафрат

брезговать *несов. см.* **брезгать**

брезгун *м разг.* нафраткунанда, ҳазаркунанда

брезгунья *женск. к* **брезгун**

брезент *м* брезент *(навъи матои ғафси обногузар)*

брезентов||ый, -ая, -ое брезентӣ, ...и брезент; ~**ая палатка** чодари (хаймаи) брезентӣ

брезжи||ть *несов.* 1. ба зур намоён шудан, саҳл намоён шудан; **вдали** ~**т огонёк** аз дур рӯшноии чароғ ба зур метобад 2. *безл.* дамидан *(оид ба субҳ)*; сафед шудан *(оид ба руз)*; **чуть** ~**ло** нав субҳ медамид

брелок *м* овеза

бременить *несов. кого-что уст.* бор кардан, заҳмат (ташвиш) додан

бремсберг *м тех.* бремсберг *(таҷҳизоти ба нишебӣ фуровардани бор)*

брем||я *с* 1. *уст.* бор, вазнинӣ 2. *перен.* гаронӣ, фишор, бор; ~**я забот** бори ғаму ташвиш; **под** ~**енем лет** дар зери бори пирӣ ◊ **разрешиться от** ~**ени** 1) зоидан; чашм равшан шудан; **она разрешилась от** ~**ени** чашмаш равшан шуд 2) *шутл.* навиштан, таълиф (тасниф) кардан

бренность *ж уст. книжн.* бебақо (нопойдор, бедошт) будан(и)

бренн||ый, -ая, -ое (бренн|а, -о) *уст. книжн.* бебақо, нопойдор, бедошт, фонӣ; ~**ое тело** ҷисми фонӣ; ~**ые останки** ҷасади мурда, майит

бренчание *с (по знач. гл.* **бренчать)** тинг-тинг (диринг-диринг) кардан(и), дирингасзанӣ; *(звуки)* тинг-тинг, диринг-диринг; ~ **бубенцов** диринг-дирингi зангулаҳо; ~ **на рояле** тинг-тинг рояль навохтан

бренча||ть *несов.* 1. тинг-тинг (диринг-диринг) кардан, дирингас задан; **громко** ~**ли стёкла** шишаҳо сахт дирингас мезаданд || *чем* тинг-тинг (диринг-диринг) кунондан, дирингас занондан; ~**ть ключами** калидҳоро дирингас занондан 2. *на чём разг.* ноуҳдабароёна тинг-тинг (диринг-диринг) навохтан; ~**ть на гитаре** ноуҳдабароёна гитара навохтан

брести *несов.* покашол роҳ рафтан; ба зур роҳ рафтан, гаштан; ~ **по песку** дар регзор покашол роҳ рафтан; **они еле брели** онҳо ба зур роҳ мерафтанд

бретел||и *мн. (ед.* **бретель** *ж)* бретель *(тасмаи сарикитфии либос)*; **юбка на** ~**ях** юбкаи бретельнок

бретельки *мн. (ед.* **бретелька** *ж) уменьш. к* **бретели** бретельча, бретели хурд

бретёр *м уст.* ҷангара, ҷанҷолӣ, дуэльпеша

брехать *несов. прост.* 1. ак-ак (ҳав-ҳав) кардан, аккос задан 2. *перен.* дуруғ (сафсата, ҳарза) гуфтан

брехнуть *сов. однокр. к* **брехать**

брехня *ж прост.* дурӯғ, сафсата, ҳарза

брехун *м прост.* дуруғгуй, ёвагуй, каззоб

брехунья *женск. к* **брехун**

брешь *ж* 1. шикоф, рахна, сурох; ~ **в стене** рахнаи девор 2. *перен.* рахна, ҷои суст; **найти** ~ **в обороне противника** ҷои сусти хати мудофиаи душманро ёфтан

брéющий, -ая, -ее *прич.* тарошанда ◊ ~ **полёт** *ав.* парвози пасти самолёт

бриг *м мор.* бриг, завраки дубодбонӣ *(киштии дусутунаи бодбондор)*

бригада *ж* бригада; **танковая** ~ бригадаи танкӣ; ~ **торпедных катеров** бригадаи катерҳои торпедаандоз; **тракторная** ~ бригадаи тракторчиён; **комплексная** ~ бригадаи комплексӣ

бригадир I *м* сардори бригада; ~ **полеводческой бригады** сардори бригадаи зироат

бригадир II *м ист.* бригадир *(дар Россияи асри 18 рутбаи ҳарбии байни полковник ва генерал)*

бригадирский, -ая, -ое ...и бригадир, бригадирӣ

бригадный, -ая, -ое бригадӣ, ...и бригада; ~ **метод** усули бригадӣ

бригантина *ж мор.* бригантина, бриги хурд, киштича, киштии хурд

бридж *м* бридж *(навъи қартабозӣ)*

бриджи *тк. мн.* бриджи *(шалвори духти махсус, ки бо муза мепушанд)*

бриз *м мор.* насими баҳр, бриз

бризантный, -ая, -ое *воен.* бризантӣ *(таркида пошхуранда)*; ~ **снаряд** снаряди бризантӣ

брикет *м* брикет *(бо фишор ба шакли) тахта ё хишт даровардашудаи хокаи ягон чиз)*; **угольный** ~ брикети ангишт; **чай в** ~**ах** тахтачой

брикетировать *сов., несов. что* брикет сохтан (кардан)

брикетный, -ая, -ое брикетӣ, ...и брикет

бриллиант *м* бриллиант *(алмоси суфта)*

бриллиантовый, -ая, -ое бриллиантӣ, ...и бриллиант; бриллиантдор; ~ **блеск** тобиши бриллиант; ~ **перстень** ангуштарини бриллиантдор

брильянт *м см.* **бриллиант**

британец *м* британӣ

британка *ж* британизан, британидухтар, зани (духтари) британӣ

британский, -ая, -ое британӣ, ...и британиҳо, ...и Британия; **Британская империя** *ист.* империяи Британия

британцы *мн.* британиҳо, аҳолии Британия

бритв||а *ж* поку, устура, теғ; **безопасная** ~**а** риштарошак; **лезвие** ~**ы** теғи (дами) поку

бритвенный, -ая, -ое ...и поку, ...и устура, ...и риштарошӣ, ...и сартарошӣ; ~ **прибор** асбоби риштарошӣ (сартарошӣ)

брит||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тарошидашуда 2. *прил.* тарошида; ~**ое лицо** риши тарошида

брить *несов. кого-что* тарошидан *(муи сар ва ришро)*; ~ **бороду** риш тарошидан

бритьё *с (по знач. гл.* **брить** *и* **бриться)** тарошидани риш, риштарошӣ, сартарошӣ

бриться *несов.* 1. риш гирифтан (гирондан), риш тарошидан; **чем вы бреетесь?** шумо ришатонро бо чӣ метарошед? 2. *страд.* тарошида шудан

бричка *ж* аробаи чорчарха

бровастый, -ая, -ое бароқабру, ғафсабру, ...и абруяш ғафс

бровк||а *ж* 1. *уменьш.-ласк.* к бровь; 2. канор, лаб; ~**а** каиавы канори (лаби) ҷарӣ; у ~**и дороги** дар канори роҳ

бровн||ый, -ая, -ое абруӣ, ...и абру; ~**ые дуги** камони абру (абрувон)

бров||ь *ж* абру, қош; **чёрные** ~**и** абрувони сиёҳ ◇ **не в** ~**ь, а в глаз** қофия рост омад; и [**даже**] ~**ью не повёл (не шевельнул)** пинакашро вайрон накард, мижааш хам нахурд

брод *м* пастоб, гузаргоҳи дарьё, убургоҳ; **отыскать** ~ убургоҳро кофта ёфтан; **не зная (не спросясь)** ~**у, не суйся в воду** *посл.* ≈ ҳаворо дида ғуза каш, обро дида муза каш

бродильный, -ая, -ое ...и ҷӯшонӣ, ...и туршонӣ, ...и хобонӣ; ~ **чан** чалаки шаробҷӯшонӣ (майхобонӣ)

бродй||ть I *несов.* 1. гаштан, гаштугузор кардан, сарсарӣ гаштан; ~**ть по лесам** дар бешаҳо гаштан 2. *перен.* (*об улыбке, мыслях*) сайр кардан; **на его губах** ~**ла улыбка** дар лабони у табассум сайр мекард ◇ ~**ть в потёмках** чоҳам барака кардан

бродить II *несов.* турш шуда ҷӯшидан, ҷӯшидан, туршидан, дар ҷӯш будан; **вино бродит** шароб дар ҷӯш аст

бродяга *м* дарбадар, сарсарӣ, овора, дайду, сакалту

бродяжий, -ья, -ье *см.* **бродяжнический**

бродяжить *несов. прост. см.* **бродяжничать**

бродяжка *разг. м уменьш.-ласк.* к **бродяга**

бродяжничать *несов. разг.* дарбадар (овора, сарсарӣ) гаштан, дайдугӣ кардан

бродяжничество *с* дарбадарӣ, сарсаригардӣ, оворагӣ

бродяч||ий, -ая, -ее оворагард; сайёр; ~**ая труппа** артистони сайёр; ~**ий образ жизни** оворагардӣ, кӯчманчигӣ

брожение *с* 1. ҷӯшиш, турш шуда ҷӯшидани чизе; **уксусное** ~ ҷӯшиши сирко 2. *перен.* изтироб, ҳаяҷон, норизоӣ, эътироз; ~ **умов** ҳаяҷони афкор, норизоӣ

бром *м* бром (1. *хим. элементи химиявӣ* 2. *мед. даво*)

бромист||ый, -ая, -ое *хим.*: ~**ое серебро** бромиди нуқра

бромовый, -ая, -ое *хим., мед.* бромӣ, ...и бром

броне- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «зиреҳдор», «зиреҳпуш»*: **бронебашня** манораи зиреҳпуш; **бронепоезд** поезди зиреҳпуш

бронеавтомобиль *м* автомобили зиреҳпуш

бронебашня *ж* манораи зиреҳпуш (*дар танк, поезд, автомобили зиреҳпуш ва ғ.*)

бронебойка *ж разг.* 1. (*противотанковое ружьё*) милтиқи танкзан 2. (*бронебойный снаряд*) снаряди зиреҳшикан

бронебойн||ый, -ая, -ое зиреҳшикан, зиреҳшикоф; ~**ая пуля** тири зиреҳшикоф; ~**ое ружьё** милтиқи зиреҳшикан

бронебойщик *м* зиреҳшикан (*тирандози мусаллаҳ бо милтиқи зиреҳшикан*)

броневик *м* броневик, автомобили зиреҳдор (зиреҳпуш)

бронев||ой, -ая, -ое зиреҳдор, зиреҳпуш; ~**ая плита** зиреҳтахта; ~**ые доты** истеҳкомҳои зиреҳпуш

бронекатер *м* завраҷи зиреҳпуш

бронемашина *ж* мошини зиреҳпуш

броненосец *м* 1. (*корабль*) киштии зиреҳпуш 2. *зоол.* зиреҳпуст (*ҳайвони дурушттусти ширхур дар Америкаи Ҷанубӣ ва Марказӣ*)

броненосный, -ая, -ое зиреҳдор, зиреҳпуш

бронепоезд *м* поезди зиреҳпуш

бронетанков||ый, -ая, -ое: ~**ые войска** қушуни танку автомобильҳои зиреҳпуш

бронетранспортёр *м* бронетранспортёр (*мошини зиреҳпуш барои кашондани пиёдааскарон*)

бронза *ж* 1. (*сплав меди*) биринҷӣ, хула 2. *собир.* (*изделия*) асбоби (олоти) биринҷӣ

бронзировать *сов., несов. что* биринҷипуш кардан, бо биринҷӣ пӯшонидан, биринҷӣ андудан

бронзировка *ж* (*по знач. гл.* **бронзировать**) биринҷӣ андудан(и)

бронзов||ый, -ая,-ое 1. ...и биринҷӣ, хӯлагӣ; ~**ая статуя** ҳайкали биринҷӣ 2. (*золотисто-коричневый*) зартоб, заррин, зарди қаҳваранг; ~**ые листья** баргҳои зарринтоб ◇ ~**ый век** *археол.* давраи биринҷӣ (*як давраи таърихи маданияти моддӣ, ки дар он асбобу олот аз биринҷӣ сохта мешуд*)

бронирование *с* (*по знач. гл.* **бронировать**) брон кардан(и), ҷудо карда мондан(и)

бронирование *с* (*по знач. гл.* **бронировать**) зиреҳпушонӣ, зиреҳпуш кардан(и)

бронированный, -ая, -ое *прич., прил.* брон кардашуда, ҷудо кардашуда

бронированный, -ая, -ое 1. *прич.* зиреҳпушкарда 2. *прил.* зиреҳпуш; ~ **автомобиль** автомобили зиреҳпуш

бронировать *сов., несов. кого-что* (*закрепить*) брон кардан, ҷудо карда мондан; ~ **место в гостинице** дар меҳмонхона ҷой ҷудо карда мондан

бронировать *сов., несов. что* зиреҳпушонидан, зиреҳпуш кардан

бронироваться *несов. страд.* брон (ҷудо) карда шудан

бронироваться *несов. страд.* зиреҳпушонда шудан, зиреҳпуш карда шудан

бронтозавр *м палеонт.* бронтозавр (*навъи ҳайвоноти мурдарафтаи хазанда*)

бронхи *мн.* (*ед.* **бронх** *м*) *анат.* бронхҳо, нойчаҳои шуш, шохаҳои роҳи нафаскашӣ

бронхиальн||ый, -ая, -ое бронхи, ...и бронхҳо, ...и шохаҳои роҳи нафаскашӣ; ~**ая астма** зиққи нафас; ~**ые железы** ғадудҳои бронхӣ

бронхит *м мед.* бронхит

броня *ж* брон; ~ **на жилплощадь** брони манзилгоҳ

броня *ж* 1. *ист.* ҷиҳози ҷангӣ, ҷавшан 2. *воен.* зиреҳ

бросание *с* (*по знач. гл.* **бросать** 1—5) андохтан(и), партофтан(и), афкандан(и); роҳи кардан(и), фиристодан(и); (*по знач. гл.* **бросаться** 1) ба [суи] ҳамдигар андохтан(и)

бросать *несов.* 1. *кого-что, чем* андохтан, партофтан, ҳаво додан, афкандан, паррондан; ~ **мяч** туб ҳаво додан; ~ **камнями** санг паррондан; ~ **якорь** лангар андохтан; ~ **одежду как попало** либосҳоро бетартибона партофтан 2. *безл. кого-что* бардорузан кардан; **машину бросало на ухабах** мошин дар чуқуриҳои роҳ бардорузан мекард 3. *кого-что* роҳӣ (равона) кардан, фиристодан; ~ **войска в бой** қушунро ба ҷанг фиристодан 4. *что перен.* афкандан, андохтан, пошидан; ~ **взгляд** назар афкандан; **солнце бросало лучи** офтоб нур мепошид 5. *что* партофтан, баровард партофтан, ба як су ҳаво додан; ~ **старые тетради** дафтарҳои куҳнаро партофтан 6. *кого-что и с неопр.* тарк кардан, даст кашидан, партофтан, бас кардан; ~ **родной город** шаҳри худро тарк кардан; ~ **работу** корро партофта рафтан; **он бросает курить** у тамокукаширо бас мекунад 7. *безл. кого во что в сочет. с сущ.* «*жар*», «*озноб*», «*дрожь*», «*пот*»: ~ **в пот** ба арақ, ғутидан, арақшор шудан; **его бросает то в жар, то в холод** у дам таб мебарорад, дам хунук мехурад ◇ ~ **деньгами**, ~ **деньги [на ветер]** бадхарҷӣ кардан; пулро бар бод додан; ~ **жребий** қуръа партофтан; ~ **камешек (камешки) в чей-л. огород** ба касе пичинг (гап) паррондан; ~ **камнем (камень)**, ~ **грязью в кого-л.** касеро бадном кардан, обруи касеро резондан; ~ **обвинение** айбдор кардан; ~ **оружие** таслим шудан; ҷангро бас кардан; ~ **перчатку** 1) *кому уст.* ба ҷанги тан ба тан (ба дуэль) даъват кардан 2) *кому-чему* ба мубориза (ба мусобиқа) даъват кардан; ~ **свет** *на что* равшан кардан, фаҳмо кардан; ~ **слова на ветер** беҳуда (пойдарҳаво) гап задан, ҳарзагуӣ кардан; ~ **тень** 1) **на что-л.** чизеро тира (хира, муғлақ) кардан 2) **на кого-что-л.** касеро, чизеро доғдор (бадном) кардан; касеро, чизеро наҳ задан; ~ **на произвол судьбы** ба тақдир ҳавола кардан, бенигоҳубин гузоштан, бепарастор мондан

бросаться *несов.* 1. *чем* ба [суи] ҳамдигар андохтан (партофтан, паррондан) 2. *кем-чем перен. прост.* ба назари эътибор нагирифтан, ру гардондан, эътимод (писанд) накардан; ~ **людьми** ба қадри одамон нарасидан 3. давидан, тохтан, шитофтан; ~ **на помощь** ба мадади *касе* шитофтан 4. худро партофтан, афтодан; ~ **на колени** ба зону афтодан 5. *на кого-что* дарафтодан, ҳамла кардан; ~ **на всех с кулаками** ба ҳама дарафтода муштзанӣ кардан 6. *с неопр.* шитобидан, шитофтан; ~ **исполнить поручение** барои иҷрои супориш шитофтан 7. худро ба поён андох-

тан; ~ **в во́ду** худро ба об андохтан (партофтан) 8. зуд нишастан, зуд ёзидан, тез дароз кашидан, худро партофтан; ~ **на дива́н** худро зуд болои диван партофтан 9. *страд.* андохта (партофта, афканда) шудан; тарк карда шудан ◇ ~ **деньга́ми** пулро бар бод додан, бадхарҷӣ кардан; ~ **обеща́ниями** ваъдаҳои хушку холӣ додан, ваъдабозӣ кардан; ~ **слова́ми** беҳуда (пойдарҳаво) гап задан; ~ **в глаза́** ба чашм бархурдан, ба чашм задан, диққатро ба худ ҷалб кардан; ~ **со всех ног** бисьёр тез давидан (тохтан); **вино́ броса́ется в го́лову** май ба сар мезанад

бро́с||ить 1. *сов. см.* **броса́ть;** 2. *повел.* **бро́сь(те)** *прост.* мон(ед), бас кун(ед); **~ь(те) разгова́ривать!** гапро бас кун(ед)!, гап назанед!

бро́ситься *сов. см.* **броса́ться**

бро́ский, -ая, -ое (бро́с|ок, -ка, -ко) *разг.* барҷаста, назаррабо, ба назар намоён; ~ **узо́р** нақшу нигори назаррабо

бро́сов||ый, -ая, -ое партов, корношоям, нодаркор, сақат; **~ый това́р** моли сақат (партов) ◇ **~ые зе́мли** заминҳои партов; **~ая цена́** *эк.* нархи паст; **~ый э́кспорт** *эк.* арзонфурӯшӣ дар савдои беруна

бросо́к *м* 1. (*по знач. гл.* **броса́ть** 1, 2) партоиш, ҳаводиҳӣ; (*по знач. гл.* **броса́ться** 1) ба [сӯи] ҳамдигар партофтан(и) 2. ҷаҳиш, давиш; ~ **вперёд** ҷаҳиш ба пеш

бро́шка, брошь *ж* сузани қубба, сарсузан (*зинати занона, ки ба либос, сари сина халонда мемонанд*)

брошю́ра *ж* рисола, китобча, брошюра

брошюрова́льн||ый, -ая, -ое *полигр.* ...и ҷузъбандӣ; **~ый цех** сехи ҷузъбандӣ; **~ая маши́на** мошини ҷузъбандӣ

брошюрова́ние *с* (*по знач. гл.* **брошюрова́ть**) ҷузъбандӣ, ҷузъбандӣ (шерозабандӣ) кардан(и)

брошюрова́ть *несов. что полигр.* ҷузъбандӣ (шерозабандӣ) кардан

брошюро́вка *ж см.* **брошюрова́ние**

брошюро́вочи||ый, -ая, -ое *полигр.* ...и ҷузъбандӣ; **~ые рабо́ты** корҳои ҷузъбандӣ

брошюро́вщик *м полигр.* ҷузъбанд

брошюро́вщица *женск. к* **брошюро́вщик**

брудерша́фт *м* брудершафт, дӯстгонӣ; **пить** ~ (**на** ~) *с кем* брудершафт (дӯстгонӣ) нушидан (*кадаҳ бардошта, баробар нӯшидан ва ҳамдигарро бӯсидан ба хотири дӯстию бародарӣ*)

брус *м* 1. сабика; чӯби чортарош; **деревя́нный** ~ ғулачӯби чортарош 2. *см.* **брусо́к** 3 ◇ **паралле́льные ~ья** *спорт.* брусҳои параллель

брусково́й, -ая, -ое ...и сабика, ...и шамш, чортарош

брусни́ка *ж* (*куст*) брусника; (*ягода*) меваи брусника, брусника

брусни́чн||ый, -ая, -ое ...и брусника; **~ое варе́нье** мураббои брусника

брус||о́к *м* 1. *уменьш. к* **брус** 1; 2. пора, лӯнда; **~о́к мы́ла** кулчаи собун 3. қайроқ, санги кордтезкунӣ; **точи́ть ножи́ на ~ке́** кордҳоро қайроқ кардан

бру́ствер *м* бруствер, ҷонпаноҳ (*хоктӯдаи беруни сангар*)

брусча́тка *ж* 1. *собир.* сангпора, санги чортарош (*барои фарши кӯча*) 2 *разг.* роҳи сангфарш

брусча́т||ый, -ая, -ое (*вымощенный брусчаткой*) сангфарш; **~ая мостова́я** роҳи сангфарш

бру́тто *неизм. прил. и нареч.* брутто, вазни ғайри холис; **вес** ~ вазни брутто

бруцеллёз *м вет., мед.* бруцеллёз (*бемории сирояткунандаи ҳайвонот*)

бруцеллёзный, -ая, -ое *вет., мед.* ...и бруцеллёз; ~ **скот** ҳайвоноти гирифторн бруцеллёз

брыже́йка *ж анат.* чини даруни шикамба

бры́жи *тк. мн. уст.* (*жабо*) гиребони пар-пар (чин-чин)

бры́зганье *с* (*по знач. гл.* **бры́згать** 1, 2, 4 *и* **бры́згаться**) пошидан(и), пошида шудан(и), обпошӣ

бры́з||гать *несов.* 1. *чем и без доп.* пошидан, пош додан; **~гать слюно́й** оби даҳонро пош додан 2. пош хӯрдан; **пе́на ~жет** кафк пош мехурад 3. *перен.* ҷӯш задан; **в нём так и ~жет весе́лье** аз шодӣ дар куртааш намеғунҷад 4. *что, чем и без доп.* пошидан, шакароб задан

бры́зга||ться *несов.* 1. *см.* **бры́згать** 1; 2. ба ҳамдигар об пошидан, обпошӣ (обпошакон) кардан; **де́ти ~лись** бачагон обпошакон мекарданд

бры́зги *тк. мн.* 1. қатраҳо, чакраҳо; ~ **дождя́** катраҳои борон 2. резгӣ, реза; ~ **стекла́** шишамайда 3. *перен.* нурҳои пароканда; ~ **со́лнечных луче́й** нурҳои парокандаи офтоб

бры́зну||ть *сов.* 1. *однокр. к* **бры́згать;** **~ть ма́слом на пла́тье** ба курта равған паррондан 2. якбора рехтан (ҷорӣ шудан); **слёзы ~ли из глаз** аз чашмон якбора ашк рехт 3. *перен.* якбора пайдо шудан, нохост намоён шудан; **из-за гор ~л луч со́лнца** аз паси кӯҳсор якбора офтоб шаъшаапошӣ кард

брыка́||ть *несов. кого-что* лагад задан, лагад кардан, ҷуфтак задан; **ло́шадь, ~я, понесла́ вса́дника** асп ҷуфтак зада саворро гирифта гурехт

брыка́||ться *несов.* 1. *см.* **брыка́ть; ло́шадь ~ется** асп лагад мезанад 2. ҳамдигарро лагадкӯб кардан 3. *перен.* якравӣ (гарданшахӣ) кардан

брыкли́вый, -ая, -ое (брыкли́в, -а, -о) *прост.* лагадзан, лагадкуб; ~ **конь** аспи лагадзан

брыкну́ть *сов. однокр. к* **брыка́ть;** ~ **ного́й** лагад задан

брыкну́ться *сов. однокр. к* **брыка́ться**

бры́нза *ж* брынза, панир

брысь *межд.* пишт

брюзга́ *м, ж* ғинг-ғингкунанда, ниқниққунанда, нолишгар

брюзгли́вость *ж* сершиквагӣ, инҷиқӣ

брюзгли́вый, -ая, -ое (брюзгли́в, -а, -о) сершиква, инҷиқ, сер态нолиш; ~ **стари́к** пирамарди инҷиқ

брю́згиуть *несов.* хомфарбеҳ шудан; варам кардан, дамидан

брюзжа́ние *с* (*по знач. гл.* **брюзжа́ть**) шиква (ғинг-ғинг, ниқ-ниқ) кардан(и), нолиш

брюзжа́ть *несов.* шиква (ғинг-ғинг, ниқ-ниқ) кардан, нолидан

брю́ква *ж* харшалғам

брю́квенн||ый, -ая, -ое харшалғамӣ, ...и харшалғам; **~ая ботва́** барги харшалғам

брю́квииа *ж прост.* донаи харшалғам

брю́ки *тк. мн.* шим, шалвор

брюне́т *м* марди сиёҳмӯй

брюне́тка *женск. к* **брюне́т**

брюха́стый, -ая, -ое *прост.* шикамкалон, шикамдамида

брюха́теть *несов. уст. и прост.* буғӯз (бордор) шудан

брюха́тый, -ая, -ое (брюха́т, -а, -о) *прост.* 1. шикамдор, шикамкалон 2. **брюха́тая (брюха́та)** *уст. кем и без доп.* буғуз, бордор

брю́х||о *с* шикам, шикамба; **ло́шади вя́зли в грязи́ по ~о** аспҳо то шикам ба лой меғутиданд // *прост.* ишкамба, ишкамн калон ◇ **отрасти́ть ~о** шикам мондан; **по́лзать на ~е** *перед кем прост.* побусӣ кардан

брюхови́на *ж анат.* шикамба

брю́чиый, -ая, -ое ...н шим, ...и шалвор, шалворбоб

брюши́н||а *ж анат.* пардаи шикам; **воспале́ние ~ы** *мед.* варами пардаи шикам

брюшко́ *с* 1. *уменьш.-ласк. к* **брю́хо;** 2. *разг. шутл.* шиками калон; **отрасти́ть себе́** ~ шикам мондан 3. (*маленьких животных, птиц, насекомых*) шикам; ~ **пчелы́** шикамчаи занбӯри асал

брюшн||о́й, -а́я, -ое ...н шикам; **~о́й пресс** *анат.* мушакҳои шикам; **~а́я по́лость** *анат.* маҳватаи шикам ◇ **~о́й тиф** *мед.* тифи шикампеч

бряк 1. *м прост.* ҷарангос, шарақкос; **с ~ом посы́палась посу́да** зарфҳо ҷарангос зада афтиданд 2. *межд. в знач. сказ. разг.* ҷарангос (шарақкос) зада, таппи карда афтид (афтидам, афтидӣ *ва ғ.*); ~ **на пол!** таппи карда ба замин афтид!

бря́канье *с* (*по знач. гл.* **бря́кнуть** 1) ҷарангосзанӣ, шарақкосзанӣ; (*звуки*) ҷарангос, шарақкос; ~ **посу́ды** ҷарангоси зарфҳо

бря́кать(ся) *несов. см.* **бря́кнуть(ся)**

бря́кну||ть *сов. однокр. разг.* 1. ҷарангос (шарақкос, гурсос, гумбуррос) задан; **колёса ~ли по мостово́й** чарххон ароба дар роҳи сангфарш гумбуррос заданд 2. *чем* ҷарангос (шарақкос) занондан; **~ть посу́дой** зарфҳоро ҷарангос занондан 3. *кого-что* (*с шумом бросить*) ҷарангос (гумбуррос) занонда партофтан (афтондан) 4. *что и без доп. перен.* пукидан, нохост гуфта мондан; **он ~л ли́шнее** вай пукида гапи зиёдатӣ гуфта монд

бря́кну||ться *сов. однокр. разг.* гурсос (гумбуррос) зада ғалтидан, афтидан; **доска́ ~лась на́земь у его́ ног** тахта гумбуррос зада ба пеши пои у афтид; **~ться о зе́млю** таппи ба замин афтидан

бряца́ние *с* (*по знач. гл.* **бряцать**) чарангосзанӣ, чарангосзанонӣ; (*звуки*) чаранг-чаранг, чиринг-чиринг, шарак-шурук; ~ **колоко́льчиков** чиринг-чиринги зангӯлачаҳо

бряца́||ть *несов.* 1. чарангос задан, чаранг-чаранг (тинг-тинг) кардан; ~**ли гита́ры** гитараҳо тинг-тинг садо мебароварданд 2. *чем* чарангос занондан, чиринг-чиринг кунондан; ~**ть шпо́рами** маҳмезҳоро чаранг-чаранг кунондан ◇ ~**ть ору́жием** таҳдиди ҷанг кардан

бу́бен *м муз.* дойра, даф

бубене́ц *м* зангӯла

бубе́нчик *м уменьш. к* **бубене́ц**

бу́блик *м* ҳалкакулча, кулчаи ҳалка

бубни́ть *несов. что и без доп. разг.* ғур-ғур (ғинг-ғинг, вир-вир) кардан, якзайл такрор кардан; ~ **одно́ и то́ же** ғинг-ғингкунон як гапро якзайл такрор кардан

бубно́вый, -ая, -ое *карт.* хишт, хиштхол; ~ **туз** тузи хишт

бу́бны I *мн. карт.* картаҳои хишт, хиштхол

бу́бны II *мн. см.* **бу́бен**

бубо́н *м мед.* хиёрак (*ғадуди варамкардаи лимфагӣ*)

бубо́нн||ый, -ая, -ое ...и хиёрак; ~**ая чума** *мед.* тоуни хиёрак

буга́й *м* барзагови зотӣ, букка

бу́гель *м тех.* бугель (1. *ҳалқаи оҳанини чӯб, сутун ва ғ. барои аз кафиш боздоштан* 2. *як қисми электрқабулкунаки трамвай, троллейбус, электропоезд*)

буго́р *м* 1. теппа, тал, адир; **ледяны́е бугры́** теппаҳои ях 2. (*выпуклость*) дӯнгӣ, баландӣ, пушта

бугоро́к *м* 1. *уменьш. к* **бугор**; 2. *мед.* лундача, донача (*дар шуши бемори сил*)

бугорча́тка *ж уст. мед.* дарди сил

бугорча́т||ый, -ая, -ое пасту баланд, ноҳамвор; ~**ая пове́рхность** сатҳи ноҳамвор

бугри́ст||ый, -ая, -ое (бугрист, -а, -о) 1. серадир, сертеппа, пасту баланд, ноҳамвор; ~**ое по́ле** саҳрои сертеппа 2. дӯнг, барҷаста; ~**ый лоб** пешонаи дӯнг

будди́зм *м* буддизм, дини Буддо

будди́йск||ий, -ая, -ое ...и буддизм, буддоӣ; ~**ие хра́мы** маъбадҳои буддоӣ

будди́ст *м* буддоӣ, пайрави дини Буддо

бу́де *союз усл. уст. и прост.* агар

бу́дет *см.* **бу́ду**

буди́льник *м* соати руимизии зангдор

буди́ровать *несов. уст.* ранҷидан, хафа (озурда) шудан

буди́ть *несов.* 1. *кого-что* бедор кардан, аз хоб хезондан; **не буди́ дете́й** кудаконро бедор накун 2. *что перен.* барангехтан; аз нав зинда (пайдо) кунондан; ~ **воспомина́ния** гузаштаҳоро ба ёд овардан

бу́дка *ж* хонача, дукончa; **сторожева́я** ~ қаровулхона; **суфлёрская** ~ хоначаи суфлёр

бу́дни *мн.* (*ед.* **бу́день** *м уст. и прост.*) 1. (*рабочие дни*) рӯзҳои кор, рӯзҳои муқаррарӣ 2. *перен.* зиндагии муқаррарӣ (одатӣ); зиндагии якнавохт (дилбазан); **трудовы́е** ~ рузҳои муқаррарии меҳнатӣ, кори ҳамешагӣ

бу́дний, -яя, -ее ...и айёми кор; ...и рузи оддӣ; ~ **день** рузи кор

бу́дничность *ж* муқаррарӣ (оддӣ) будан(и), якранг (якнавохт) будан(и)

бу́дничн||ый, -ая, -ое 1. ...и рӯзҳои кор, ҳарруза, одатӣ, муқаррарӣ; ~**ые дни** рузҳои кор; ~**ое пла́тье** либоси ҳарруза; ~**ые хло́поты** ташвиши рузгор 2. *перен.* якранг, якнавохт, дилбазан; ~**ая жизнь** зиндагии якранг (якнавохт)

бу́днишний, -яя, -ее *см.* **бу́дничный**

бу́днишность *ж см.* **бу́дничность**

будора́жить *несов. кого-что разг.* ба хаяҷон (ба изтироб) овардан, бесаришта кардан, ошуфтан; ~ **окружа́ющих** атрофиёнро нороҳат кардан

будора́житься *несов. разг.* ба шур омадан, ба ҳаяҷон (ба изтироб) омадан, ошуфта шудан

бу́дочник *м разг.* 1. (*сторож*) посбон, қаровул 2. *уст.* будканишин (*дар Россияи пеш аз революция полицайе, ки дар будка қаровулӣ мекард*)

бу́дто 1. *союз сравн.* (*словно, как*) гуё, гуё ки, мисли ин ки, ... барин; **звёзды мерца́ли,** ~ **огоньки́** ситорагон чароғчаҳо барин милт-милт мекарданд; **он замо́лк,** ~ **прислу́шиваясь к чему́-то** у, гуё ба овозе гуш медода бошад, хомуш монд // *в сочет.*: ~ **бы, как** ~, **как** ~ **бы** гуё ки..., мисли ин ки...; **он как** ~ **бы забы́л о прису́тствующих** у гуё ки ҳозиронро фаромуш карда буд 2. *союз изъясн.* (*выражает сомнение*) гуё, гуё ки... (бо ифодаи шубҳа); **он говори́л,** ~ **встре́тил их в Москве** вай мегуфт, ки гуё онҳоро дар Москва дида бошад // *в сочет.*: ~ **бы, что** ~, **что** ~ **бы** гуё, гуё ки..., мисли ин ки...; **говори́ли, что** ~ **он уехал** мегуфтанд, ки гуё у рафтааст 3. *частица разг.* (*кажется*) ... барин; **он** ~ **вы́шел** у берун баромадагӣ барин // *в сочет.*: **как** ~, **как** ~ **бы** гуё, гуё ки, монанди ин ки...; **больно́му как** ~ **ста́ло лу́чше** аҳволи бемор гуё беҳтар шуд 4. *частица вопр. уст.* (*разве, неужели*) наход, наход ки..., магар, оё

бу́д||у, будешь, бу́дет, бу́дем, бу́дете, бу́дут 1. *буд. вр. от* **быть**; 2. *2 и 3 л. ед. и мн. в знач. связки наст. вр. прост.*: **вы отку́да** ~**ете?** шумо кучоӣ ҳастед?, аз кучо мешавед?; **вы кто** ~**ете?** шумо кӣ мешавед? 3. *3 л. ед.* **бу́дет** *в знач. наст. вр.* (*есть, имеется*) ҳаст, мебошад; **до го́рода не** ~**ет и пяти́ киломе́тров** то шаҳр масофа панҷ километр ҳам нест 4. *3 л. ед.* **бу́дет** *в знач. нареч. разг.* (*достаточно*) бас аст, кифоя; ~**ет об э́том говори́ть** дар ин бора гап задан бас аст ◇ [я] **не я** ~**у, е́сли...** агар..., номам фалонӣ не (*барои ифодаи азми қатъӣ*); **я не я** ~**у, е́сли не сдам экза́мен на пятёрку** агар ман имтиҳонро бо баҳои панҷ насупорам, номам фалонӣ не

будуа́р *м уст.* будуар (1. *хонаи махсус барои меҳмонони зани давлатманд* 2. *ҷиҳози чунин хона*)

будуа́рный, -ая, -ое *уст.* ...и будуар

бу́дущ||ий, -ая, -ее 1. оянда, минбаъда; дигар; ~**ие экза́мены** имтиҳонҳои оянда; **в** ~**ем году́** дар соли оянда, соли дигар; ~**ие поколе́ния** насли оянда 2. *в знач. сущ.* **бу́дущее** *с* оянда, отия; **све́тлое коммунисти́ческое** ~**ее**ояндаи дурахшони коммунисти; **в** ~**ем** дар оянда 3. *в знач. сущ.* **бу́дущее** *с* истиқбол, пешомад; **э́то изобрете́ние име́ет большо́е** ~**ее** ин ихтироъ пешомади калон дорад ◇ ~**ее вре́мя** *грам.* замони оянда

бу́дущность *ж* 1. оянда, отня 2. истиқбол, пешомад; ~ **дете́й** истиқболи кудакон 3. иқбол, иқболи оянда; **ве́рить в чью-л.** ~ ба иқболи касе амин будан

буёк *м уменьш. к* **буй**

бу́ер *м спорт.* буер (*чанаи бодбондоре, ки дар рӯи ях мегардад*)

буера́к *м обл.* ҷар, селроҳа, оббурда, сой

бу́ерный, -ая, -ое буерӣ, ...и буер; ~ **спорт** варзиши буерсаворӣ, буерронӣ

буж *м мед.* буж (*асбоби таҳқиқи узвҳои найчашакл*)

бужени́на *ж* яхнӣ, буженина (*гӯшти хуки ба тарзи махсус ҷӯшондашуда*)

буза́ I *ж обл.* буза, шароби арзан

буза́ II *ж груб. прост.* ҷанҷол, мағал, хархаша, арбада

бузи́ла *м см.* **бузотёр**

бузина́ *ж бот.* малисо, байласон

бузи́нник *м* буттазори малисо (байласон)

бузи́нный, -ая, -ое *см.* **бузи́новый**; ~ **цвет** ранги байласон

бузи́новый, -ая, -ое ...и малисо, ...и байласон; ~ **куст** буттаи малисо (байласон)

бузи́ть *несов. груб. прост.* ҷанҷол хезондан, мағал кардан, хархаша бардоштан

бузотёр *м груб. прост.* ҷанҷолӣ, хархашагар, ҷангара

буй *м* шиноварак, пойобнамо (*нишони лангардор, ки ҷойҳои пастоби дарьё, ҷои андохта шудани тури моҳӣ ва ғайраро нишон медиҳад*)

бу́йвол *м зоол.* говмеш

бу́йволица *ж зоол.* говмеши мода (модина), модаговмеш

бу́йволовый, -ая, -ое ...и говмеш

бу́йн||ый, -ая, -ое (буен, буйна́, бу́йно) 1. ҷанҷолӣ, арбадакор, ҷангара; ~**ый нрав** ҷанҷолдӯстӣ, ҷангарагӣ 2. бебок, тундху, ҷасур; ~**ая молодёжь** ҷавонони бебок 3. айёш(она), худсар(она), ҷапан; ~**ое весе́лье** базми осмонкаф 4. шиддатнок, шадид, тунд, сахт; ~**ый ве́тер** шамоли сахт 5. анбуҳ, ғулӣ; ~**ая расти́тельность** растаниҳои анбӯҳ; ~**ые ку́дри** муйҳои ҷингилаи ғулӣ ◇ ~**ая голо́вушка** одами бебок (лоубол)

бу́йство *с* 1. ҷанҷол, девонагӣ 2. авҷ; тобиш; ~ **кра́сок** тобиши ранг

бу́йствовать *несов.* ҷанҷол (девонагӣ) кардан, мағал хезондан

бук *м бот.* бук, олаш *(дарахти калони шамшодмонанд)*

бу́к||а *м, ж уст. разг.* 1. бучи, алабучӣ 2. *перен.* одами сур, одамгурез, одами чарс ◇ **смотре́ть ~ой** бадқавоқӣ кардан, қавоқ андохтан

бука́шка *ж* ҳашара, гамбускча

бу́кв||а *ж* 1. ҳарф; **больша́я ~а (загла́вная, прописна́я)** ҳарфи калон, сарҳарф; **строчна́я ~а** ҳарфи хурд 2. *перен.* шакли зоҳирӣ; **смысл и ~а изрече́ния** маънӣ ва шакли каломи пурҳикмат ◇ **~а зако́на** ҳарфи қонун *(айнан маънидод кардани қонун)*; **~а в ~у** ҳарф ба ҳарф, айнан; **остава́ться мёртвой ~ой** дар руи коғаз мондан, ҷомаи амал напушидан

буквали́зм *м* ҳарфпарастӣ, расмиятпарастӣ

буква́льно *нареч.* 1. калима ба калима, таҳтуллафзӣ, ҳарф ба ҳарф, айнан; **изложи́ть ~** айнан баён кардан 2. *разг.* дар маънои аслӣ, ҳақиқатан; **он ~ твори́т чудеса́** вай ҳақиқатан муъҷизаҳо нишон медиҳад

буква́льность *ж* 1. таҳтуллафзӣ (ҳарф ба ҳарф, айнан) будан(и); **~ перево́да** ҳарф ба ҳарф будани тарҷума 2. саҳеҳӣ, маънои аслӣ

буква́льн||ый, -ая, -ое 1. калима ба калима, таҳтуллафзӣ, ҳарф ба ҳарф, айнан; **~ый перево́д** тарҷумаи таҳтуллафзӣ; ҳақиқӣ, саҳеҳ, аслӣ; **в ~ом смы́сле сло́ва** дар маънии аслии калима

буква́рь *м* китоби алифбо

бу́квенн||ый, -ая, -ое ҳарфи, ...и ҳарф; **~ое обозначе́ние** ифодаи ҳарфӣ

буквое́д *м ирон.* ҳарфпараст, зоҳирбин; хурдагир

буквое́дство *с ирон.* ҳарфпарастӣ, зоҳирбинӣ; хурдагирӣ

буке́т *м* 1. дастаи гул, гулдаста; **набра́ть ~ цвето́в** як даста гул чидан 2. накҳат, хушбуй, хуштаъмӣ; **~ ча́я** хуштаъмии чой

бу́ки *с нескл.* букн *(номи куҳнаи ҳарфи «б»-и русӣ)*

букини́ст *м* букинист, китоби куҳнафуруш *(харидуфурушкунандаи китобҳои куҳна ва нодир)*

букинисти́ческ||ий, -ая, -ое букинисти; **~ий магази́н** дукони букинисти ◇ **~ая кни́га** китоби куҳна ва нодир

букле́т *м* буклет *(навъи китоб, ки варақҳояшро яклухт тасмавор мепечонанд)*

бу́кли *мн. (ед.* **бу́кля** *ж) уст.* зулф, турра, ҳалқаи муй

бу́ков||ый, -ая, -ое 1. ...и дарахти олаш; **~ые леса́** олашзор 2. *(сделанный из бу́ка)* олашӣ; **~ый шкаф** ҷевони олашӣ 3. *в знач. сущ.* **бу́ковые** *мн. бот.* олашиҳо

букс *м бот.* шамшод

бу́кса *ж тех.* букса *(қуттичаи, ки дар он тири чархи вагон мегардад)*

букси́р *м* 1. таноби (сими) ядак 2. ядаккиштӣ; **~ тя́нет не́сколько барж** ядаккиштӣ чанд баржаро кашола мекунад ◇ **брать (взять) на ~** ёрӣ (мадад) расондан

букси́рн||ый, -ая, -ое 1. ...и таноби (сими) ядак 2. ...и ядаккиштӣ; **~ое су́дно** ядаккиштӣ

букси́рование *с (по знач. гл.* **букси́ровать)** кашола карда бурдан(и); **~ барж** кашола карда бурдани баржаҳо

букси́ровать *несов. что* кашола карда бурдан; **~ сло́манную маши́ну** мошини шикастаро кашида бурдан

букси́роваться *несов. страд.* кашида бурда шудан

букциро́вка *ж см.* **букси́рование**

букс||ова́ть *несов.* гаштан, андармон шудан; **на подъёме в го́ру маши́на ~у́ет** ҳангоми ба баландӣ баромадан мошин андармон мешавад

булава́ *ж* 1. *ист.* гурз, шашпар 2. *ист.* булава *(чубдасти қуббадор, ки аломати ҳокимияти гетманӣ дар Украина ва Польша буд)* 3. булава *(чубдасти дарози қуббадори дарбонҳо дар Россияи пеш аз революция)* 4. *спорт.* гурз *(асбоби машқи гимнастикӣ)*

була́вк||а *ж* сузанак, сарсузан, сузантугма; **~а для га́лстука** сузанаки галстук ◇ **англи́йская ~а** сузанак; **де́ньги на ~и** *уст.* пули сурмаю ҳино

була́вочн||ый, -ая, -ое ...и сарсузан; **~ая голо́вка** сари сузан ◇ **~ый уко́л** неши забон *(оид ба сухани киноямез)*; **с ~ую голо́вку** сари сузан барин

була́ный, -ая, -ое *(масть лошади)* саманди ёлу думсиёҳ, ашҳаб

була́т *м* 1. *(старинная сталь)* пулод 2. *уст. поэт. (меч)* шамшер, шоф, теғ

була́тный, -ая, -ое пулодӣ; **~ клино́к** теғи пулодӣ

бу́лка *ж* нони булка

бу́лла *ж* булла *(ярлиқи папаи Рим)*

бу́лочная *ж* дукони нонфурушӣ

бу́лочник *м* 1. *уст.* соҳиби дукони нонфурушӣ; нонфуруш 2. *(пекарь)* нонпаз, нонвой

бу́лочница *ж женск. к* **бу́лочник**

бу́лочный, -ая, -ое ...и булка

бульты́х *межд. в знач. сказ. разг.* шалаппи (шалти, шулпи) карда афтод (афтодам, афтодӣ *ва ғ.*); **он ~ в во́ду** шулпи карда ба об афтод

бултыха́ть *несов. разг.* 1. *кого-что (с шумом бросать в жидкость)* шалпас занонда (шулпи кунонда) андохтан 2. *(с шумом падать, бросаться в воду)* шалпас зада (шулпи карда) афтодан 3. *что (взбалтывать)* ҷунбонда омехтан, лаппондан, аралаш кардан

бултыха́ться *несов. разг.* 1. *(с шумом падать, бросаться в воду)* шалпас зада (шулпи карда) афтодан 2. *(с шумом плескаться)* шалпас задан, обро шалпас занондан 3. *(плескаться о стенки сосуда)* ҷунбонда омехта шудан, лаппидан, аралаш карда шудан

бульты́хну́ть(ся) *сов. однокр. к* **бултыхать(ся)**

булы́жник *м* санги қайроқ, қайроқсанг; **вымостить у́лицы ~ом** кучаҳоро сангфарш кардан

булы́жн||ый, -ая, -ое: **~ая мостова́я** роҳи сангфарш

буль-бу́ль *межд.* қул-қул, шир-шир, шилдирос

бульва́р *м* кучабоғ, гулгашт

бульва́рн||ый, -ая, -ое 1. ...и гулгашт 2. *перен.* кучагӣ, фаҷу бемаза, қабеҳ, гоҷ; **~ая пре́сса** матбуоти фаҷу бемаза

бульдо́г *м* бульдог *(хели саги фукаш пачақ)*

бульдо́жий, -ья, -ье ...и бульдог

бульдо́зер *м тех.* бульдозер

бульдозери́ст *м* бульдозерчӣ

бу́лькаsuccessful

бу́лька||ть *несов.* қул-қул (шир-шир, шилдирос) кардан; **где́-то вдали́ ~ет руче́й** аз дур шилдироси ҷуй ба гуш мерасад

бу́лькнуть *сов.* 1. *однокр. к* **бу́лькать**; 2. *разг. (упасть в воду)* шулпи карда ба об афтодан

бульо́н *м* пиёба; **кури́ный ~** шурбои мурғ, мурғшурбо

бульо́нный, -ая, -ое ...и пиёба

бум I *межд.* гум, гум-гум *(садои ноқус, нақора, туп ва ғ.)*; **~! — уда́рил ко́локол** ноқус гум-гум садо баровард ◇ **ни бум-бу́м не знать (не понима́ть)** *прост.* ҳеҷ балоро надонистан, алифро аз калтак фарқ накардан

бум II *м разг.* ҳаёҳу *(1. авҷи инкишофи муваққатии саноат ва савдои капиталистӣ 2. ҳаёҳуи беасос ва барзиёд дар атрофи чизе)*; **газе́тный ~** ҳаёҳуи газетаҳо

бум III *м уст. спорт.* бум *(асбоби машқи гимнастикӣ)*

бума́г||а I *ж* 1. коғаз; **пи́счая ~а** коғази тасниф; **почто́вая ~а** коғази мактубнависӣ; **чертёжная ~а** коғази нақшакашӣ; **обёрточная ~а** коғази лифоф; **папиро́сная ~а** коғази папирос 2. коғаз, ҳуҷҷат, санад; **получи́ть ~у из райо́на** аз район ҳуҷҷат гирифтан 3. *мн.* **бума́ги** *разг.* ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои шахсӣ; **предста́вить ~и в институ́т** ҳуҷҷатҳои худро ба институт супурдан 4. *мн.* **бума́ги** навиштаҷот; **разобра́ть ~и** навиштаҷотро дида баромадан ◇ **ге́рбовая ~а** коғази тамғадор; **це́нные ~и** коғазҳои қиматдор (пулӣ) *(вексель, облигация ва ғ)*; **на ~е (быть, остава́ться)** дар руи коғаз (мондан); **~а всё те́рпит** *посл.* ≈ навиштан ҳама чизро мумкин

бума́га II *ж уст. разг. (материал)* пахта; *(пряжа)* калобаи пахта ◇ **хлопча́тая ~** *уст.* ғози пахта

бумаготде́лательн||ый, -ая, -ое коғазбарор, ...и коғазбарорӣ; **~ая маши́на** мошини коғазбарорӣ

бумагомара́ние *с разг. ирон.* бемаънинависӣ, беҳуданависӣ

бумагомара́тель *м разг. ирон.* бемаънинавис, беҳуданавис

бумагопряде́ние *с уст. см.* хлопкопряде́ние

бумагопряди́льный, -ая, -ое *уст. см.* **хлопкопряди́льный**

бума́жка *ж* 1. *уменьш. к* **бума́га** I 1, 2; 2. *уст. разг. (ассигнация)* пули коғаз; **десятирублёвая** ~ пули даҳсумӣ

бума́жник I *м* қапчуқ, ҳамьён; **кожа́ный** ~ ҳамьёни чармин

бума́жник II *м разг.* корманди саноати коғазбарорӣ

бума́жн||ый I, -ая, -ое 1. коғазӣ, ...и коғаз; ~**ая фа́брика** фабрикаи коғаз; ~**ые де́ньги** *эк.* пули коғаз; ~**ые салфе́тки** дастмолҳои коғазӣ 2. *перен.* ...и коғазбозӣ; ~**ая волоки́та** коғазбозӣ ◇ ~**ая душа́** коғазбоз, коғазпараст

бума́жн||ый II, -ая, -ое пахтагӣ, ресмонӣ; ~**ые тка́ни** матои ресмонӣ; ~**ое пла́тье** куртаи (либоси) пахтагӣ

бумажо́нка *ж разг. уменьш.-унич. к* **бума́га** I коғази ночиз, навиштаҷоти ночиз (беҳуда)

бумазе́йн||ый, -ая, -ое бумазӣ; ~**ое пла́тье** куртаи (либоси) бумазӣ

бумазе́я *ж текст.* бумазӣ *(матои патдори ресмонӣ)*

бумера́нг *м* бумеранг *(силоҳи австралиягиҳо ва баъзе қабилаҳои дигар ба шакли гурзи каҷ, ки баъд аз ҳаво додан боз ба сӯи каси ҳаватода бармегардад)*

бу́нкер *м* бункер (1. *анбори махсус барои муваққатан нигоҳ доштани чизҳои пошхуранда* 2. *паноҳгоҳи зеризаминӣ)*

бу́нкерный, -ая, -ое ...и бункер

бункерова́ть *несов. что* ба бункер рехтан; ~ **зерно́** ғалларо ба бункер рехтан

бункеро́вка *ж (по знач. гл.* **бункерова́ть**) ба бункер рехтан(и)

бунт I *м (стихийное восстание)* исьён, ошуб, балво; **крестья́нский** ~ ошӯби деҳқонон

бунт II *м* 1. *(связка, кипа)* ғарам, даста, банд; ~ **про́волоки** як даста сим 2. *(товар в штабелях)* той, ғарам

бунта́рский, -ая, -ое исьёнгарона, ошубгарона, балвогарона; саркашона

бунта́рство *с* исьёнгарӣ, ошубгарӣ, балвогарӣ, саркашӣ

бунта́рь *м* 1. *уст.* исьёнгар, ошубгар, балвогар; ёғӣ, осӣ 2. *перен.* итоатнакунанда, саркаш

бунтова́ть *несов.* 1. исьён (балво) кардан, ошуб бардоштан 2. *перен. разг.* эътироз кардан 3. *кого-что уст. разг.* ба исьён барангехтан, балво андохтан, шурондан

верш||ок *м уст.* вершок *(ченаки дарозӣ баробари 4,4 см)* ◇ **нахвататься** ~**ков** руякӣ маълумот ҳосил кардан

вес I *м* 1. вазн; ~**ом в одну тонну** вазнаш як тонна; **продавать на** ~ баркашида фурухтан; **прибавлять в** ~**е** фарбеҳ шудан; **убавлять в** ~**е** хароб (лоғар) шудан, аз гушт фуромадан; **согнать** ~ худро гирондан; **борец лёгкого (тяжёлого)** ~**а** паҳлавони вазнаш сабук (калон) 2. *перен. разг.* эътибор, обру, вазн; **человек с** ~**ом** одами баобру, одами бонуфуз; **приобретать** ~ эътибор пайдо кардан ◇ **на** ~ **золота** ба тилло баробар; **живой** ~ вазни зинда; **удельный** ~ вазни хос; **чистый** ~ вазни холис

вес II *м*: **держать на** ~**у** овезон нигоҳ доштан, бардошта истодан

веселеть *несов.* шод (хурсанд) шудан, димоғчоқ шудан

веселить *несов. кого-что* шод (хурсанд) кардан, хандондан; ~ **публику** мардумро хурсанд кардан

весели||ться *несов.* шодӣ (хурсандӣ) кардан, димоғчокӣ кардан; **молодёжь** ~**лась в клубе** ҷавонон дар клуб хурсандӣ мекарданд

весёлка *ж* белча *(барои ошурдани хамир ва ғ.)*

весело 1. *нареч.* шодон, хуррамона, хурсандона, масрурона; ~ **разговаривать** хурсандона гап задан 2. *в знач. сказ. безл.*: **мне очень** ~ ман хеле шодам

весёлость *ж* шодӣ, шодмонӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ, сурур, димоғчоқӣ

весёл||ый, -ая, -ое (весел, -а, -о) 1. шод, шодмон, хурсанд, хуррам, хандон, хушҳол, масрур; **кто весел — тот смеётся** касе ки шод аст механдад; **стать** ~**ым** шод шудан; ~**ое лицо** чеҳраи хандон 2. сурурбахш, хурсандкунанда, хушҳолкунанда, хандаовар; ~**ая шутка** шухии сурурбахш 3. хушнамуд, зебо, хушруй; ~**ая светлая комната** хонаи зебои равшан ◇ **под** ~**ую руку** дар хушҳолӣ, дар димоғчоқӣ

веселье *с* 1. шодӣ, шодмонӣ, сурур, хурсандӣ, хушҳолӣ; **вносить** ~ шодмонӣ овардан 2. дилхушӣ, айш, кайф, шӯхӣ; **общее** ~ дилхушии (хушҳолии) умумӣ

весельн||ый, -ая, -ое ...и бели заврақ, ...и бели қаиқ; ~**ая лопасть** рӯи бели заврақ

весельчак *м разг.* базлагу, хандон, ширинкор, шух

веселящий *прич.* шодиовар, хурсандибахш, суруровар ◇ ~ **газ** *хим.* гази хандонанда *(оксиди нитроген, гази беранге, ки ҳангоми нафаскашӣ касро гӯё хушҳол мекунад)*

весенн||ий, -яя, -ее баҳорӣ, ...и баҳор(он); ~**ее тепло** гармии баҳор; ~**ий сев** кишти баҳорӣ

веси||ть *несов.* 1. вазн доштан; **груз** ~**т две тонны** вазни бор ду тонна аст 2. *перен.* аҳамият (эътибор, қадр, вазн) доштан

веский, -ая, -ое (весок, -ка, -ко) 1. вазнин, қурч, сангзеркун 2. *перен.* асоснок, муътабар, маҳкам; ~ **довод** далели асоснок

вескость *ж* 1. вазнинӣ, қурч (сангзеркунанда) будан(и) 2. *перен.* асоснокӣ, эътиборнокӣ, маҳкамӣ

весло *с* бели заврақ (қаиқ); **гребное** ~ бели завракронӣ; **взяться за вёсла** ба белзанӣ сар кардан; **плыть на вёслах** бел зада шино кардан; **сушить вёсла** белҳоро бардоштан

веслоногие *мн. зоол.* белпойҳо *(паррандагони обии шиновар)* ◇ ~ **рачки** харчангчаҳои белпо *(аз ҷинси ҷонварҳои харчангмонанд)*

весн||а *ж* 1. баҳор, баҳорон; **по** ~**е** дар фасли бахор; **одна ласточка не делает** ~**ы** *посл.* ≈ бо як гул баҳор намешавад 2. *перен.* синн, синну сол; **на пороге семнадцатой** ~**ы** синнаш қариб ба ҳафдаҳ расидааст 3. *перен. поэт.* ҷавонӣ, баҳори умр; **прошла моя** ~**а** баҳори умрам гузашт; ~**а человечества** ҷавонии башарият

весновспашка *ж с.-х.* шудгори баҳорӣ

весной, весною *нареч.* дар фасли баҳор, дар баҳорон

веснушк||и *мн.* (*ед.* **веснушка** *ж*) доғи кунҷитак; **лицо в** ~**ах** руи доғикунҷитакдор

веснушчат||ый, -ая, -ое (веснушчат, -а, -о) пур аз доғи кунҷитак; ~**ое лицо** руи пур аз доғи кунҷитак

весов||ой I, -ая, -ое 1. ...и вазн, вазнӣ; ~**ая единица** воҳиди вазн; ~**ые категории** *спорт.* категорияҳои вазн 2. *(продаваемый, покупаемый на вес)* баркаш, тарозубаркаш; ~**ой хлеб** нони баркаш

весов||ой II, -ая, -ое ...и тарозу; ~**ая стрелка** қаровулаки тарозу; ~**ой сбор** ҳаққи тарозу

весовщик *м* тарозудор, тарозубон

весовщица *женск. к* **весовщик**

весомый, -ая, -ое 1. вазнин, вазндор; ~ **груз** бори вазнин 2. *перен.* кирои, муҳим

вест *м* 1. *мор.* ғарб, мағриб 2. *мор., метео* боди мағриб

весталка *ж ист.* весталка *(коҳинаи бокира дар Рими Қадим)*

вести *несов.* 1. *кого-что* бурдан, гирифта бурдан, кашидан, етак кардан; ~ **за руку** аз даст гирифта бурдан; ~ **лошадь под уздцы** аспро етак кардан 2. *что* рондан, ҳай кардан; ~ **машину** мошин рондан; ~ **самолёт** самолёт рондан 3. *что перен. (управлять, руководить)* идора (роҳбарӣ) кардан; ~ **хозяйство** хоҷагиро идора кардан 4. *чем, по чему* ҳаракат (молиш, совиш) додан; ~ **смычком по струне** камончаро ба тор молиш додан 5. *что (прокладывать, протягивать)* кашидан, гузарондан; ~ **телефонный провод** сими телефон кашидан 6. бурдан, рафтан; **дорога вела к лесу** роҳ ба беша мебурд 7. *к чему перен. (влечь за собой)* сабаб (боис) шудан; **малейшая неосторожность вела к гибели** камтарин ноэҳтиётӣ боиси ҳалокат мешуд 8. *что* навиштан; ~ **протокол** қарор навиштан 9. *в сочет. с сущ. что:* ~ **собрание** маҷлисро бурдан; ~ **торговлю** савдо (тиҷорат) кардан; ~ **борьбу** мубориза бурдан; ~ **научную работу** кори илмӣ кардан; ~ **огонь по неприятелю** ба суи душман оташ кушодан; **он вёл скромную жизнь** у хоксорона умр ба сар мебурд ◇ ~ **двойную игру** кафтари дубома шудан, дурӯягӣ кардан; ~ **начало от кого-чего-л.** аз касе, чизе сар шудан (ибтидо ёфтан), аз касе, чизе пайдо шудан; ~ **речь к чему-л.** гапро ба сари чизе овардан; ~ **себя** рафтор кардан, муомила кардан; ~ **свою линию** гапи худро гузаронданӣ шудан; ~ **свой род** *от кого* аз авлоде будан; **и [даже] ухом (глазом) не ведёт** мижааш ҳам хам намехӯрад, пинакашро вайрон намекунад

вестибулярный: ~ **аппарат** *анат.* органи мувозанат

вестибюль *м* вестибюль, миёнсарой; ~ **театра** вестибюли театр

вестимо *вводн. сл. уст. прост. и обл.* албатта, бешубҳа

вестись *несов.* 1. бурда (гузаронда) шудан, ба ҷо оварда шудан, амалӣ шудан; **ведутся переговоры** гуфтугузор меравад 2. *безл. разг.* расму таомул будан, одат шуда мондан; **так у нас ведётся** одати мо чунин аст 3. *страд.* бурда (кашида) шудан, гузаронда шудан

вестник *м* 1. муждарасон, пайк, қосид; **ласточка** — ~ **весны** фароштурук қосиди баҳораст 2. *(название периодического издания)* ахборотнома *(навъи бюллетени ахборотӣ)*; **Вестник Академии наук СССР** Ахборотномаи Академияи Фанҳои СССР

вестов||ой, -ая, -ое 1. *уст. (сигнальный)* ...и ишоратӣ, ...и огоҳӣ, сигналдиҳанда; ~**ая пушка** тупи сигналдиҳанда 2. *в знач. сущ.* **вестовой** *м* қосид, пайк, хабаррасон

весть I *ж* 1. хабар, маълумот, пайғом, дарак; **радостная** ~ хабари хуш, мужда, навид, башорат 2. *мн.* **вести** *разг. (молва, сплетни)* овоза, ғайбат, миш-миш ◇ **без вести пропасть** бедарак (беному нишон) шуда рафтан

весть II: **бог** ~ худо медонад; **не бог** ~ **что (как, какой)** чандон хуб нест, кирои не, калон не; **не бог** ~ **какое одолжение** илтифоти қазой не

вес||ы *тк. мн.* тарозу; **медицинские** ~**ы** тарозуи тиббӣ; **взвесить на** ~**ах** дар тарозу баркашидан

весь I (вся, всё, все) 1. *мест. определит.* ҳама, тамом; ~ **мир** тамоми

дуньё; **всё время** доим, ҳамеша, мудом; **всеми силами** бо тамоми қувва; **во всей красе** бо тамоми ҳусну зебоии худ // *(в сочет. с колич. числ.)* пурра, расо; **до города все шесть километров** то шаҳр расо шаш километр аст 2. *тк. им. разг. (окончился)* соф (харҷ, сарф, тамом) шуд; **сахар** ~ қанд соф шуд, қанд намонд; **бумага вся [вышла]** ҳамаи коғаз сарф шуд 3. *в знач. сущ.* **всё** *с (целиком, без исключения)* ҳама, ба куллӣ, саросар; **он знал всё** вай ҳама гапро медонист // *в знач. сказ.* аз ҳама муҳим(тар); **вода здесь — всё** об дар ин ҷо чизи асосист // *в знач. сущ.* **все** *мн. (в полном составе, без исключения)* ҳама; **его все знали** ҳама вайро мешинохтанд // *в знач. обобщающего сл.* **всё** *с*, **все** *мн. (при перечислении)* ҳама, ҳама чиз; **поле, лес — всё исчезло в дыму** дашту беша — ҳамаро дуд фаро гирифт // *тк. род.* **всего, всех** *(со сравн. ст. прил. и нареч. образует превосх. ст.)*: **чаще всего** беш аз ҳама; **лучше всех** беҳтар аз ҳама 4. *в наречных сочет. с предлогами «в», «из», «на», «с»* бо тамоми..., бо ин ҳама; **во всё горло** бо тамоми овоз, гулу дарронда; **во ~ дух** бо тамоми қувва; **во все глаза** чашмро калон кушода; **во всю мочь** бо тамоми қувва; **во ~ опор** шитобон; **во всю прыть** бо тамоми қувва; **изо всех сил** бо тамоми қувва; **изо всей мочи** бо буду шуди қувва; **на всём скаку** дар айни тохт; **со ~ ног** пойро зери бағал гирифта; **со всего размаху** қулоч кашида, кашидаву кушода // *с предлогом «при» (несмотря на...)* гарчанде, бо вуҷуди..., агарчи...; **при всём желании я не смогу быть там** гарчанде хоҳам ҳам, ба он ҷо рафта наметавонам ◇ ~ **в** *кого (о большом сходстве с кем-л.)* комилан монанд, як себу ду тақсим; **мальчик ~ в отца** бача тамоман ба падараш рафта аст; **во всём параде** бо тамоми карруфар, бо тамоми шукуҳу азамат; **всё в порядке** ҳама кор баҷо; **всё одно (едино)** фарқ надорад; **всё равно** 1) *(безразлично)* аҳамият (фарқ) надорад; **всё равно, по какой дороге ехать** бо кадом роҳ рафтан фарқ надорад 2) *(несмотря ни на что)* дар ҳар ҳол, ҳар чӣ бошад ҳам, аздусар; **он всё равно добьётся своего** аздусар вай ба мақсади худ мерасад; **всего хорошего** хайр, то дидана; **без всего (остаться, уйти, уехать)** бе ҳеҷ чиз, бе чизе, ду даст дар бинӣ (мондан, рафтан); **на всём готовом** ба оши тайёр баковул; **от всего сердца** бо ҷону дил, аз таҳти дил; **по всему** аз руи ҳамаи аломатҳо; баръалоина; **превыше всего** муҳимтар аз ҳама; **прежде всего** 1) *(самое важное)* муҳимтаринаш, аз ҳама муҳиммаш 2) *(в первую очередь)* дар навбати аввал, пеш аз ҳама; **при всём том** бо ҳамаи ин, бо вуҷуди ин, қатъи назар аз...; **скорее всего** яқинан; **со всеми потрохами** *прост.* бо лашулушаш; **вот и всё** тамом вассалом; **всё хорошо, что хорошо кончается** *посл.* ≈ шоҳномаро охираш хуш; **всё, что случается, к лучшему** *посл.* ҳар тасодуф оқибат ба хайр аст

вес||ь II *ж уст. (село)* деҳа, қишлоқ; **города и ~и** шаҳру деҳот

весьма *нареч.* хеле, бисьёр, бағоят; **это ~ желательно** ин хеле матлуб аст

ветвистость *ж* сершохӣ, сернавдагӣ

ветвист||ый, -ая, -ое (ветвист, -а, -о) шохадор, сершоха, сернавда, анбуҳ; **~ые карагачи** садаҳои сершоха; **~ая пшеница** гандуми серхуша

ветвиться *несов.* шох рондан, навда давондан

ветвление *с (по знач. гл.* **ветвиться**) шохронӣ, навдадавонӣ

ветврач *м* (ветеринарный врач) байтор, духтури ҳайвонот

ветв||ь *ж* 1. шох(а), навда 2. *(ответвление)* шоха; **~ь железной дороги** шохаи роҳи оҳан; **одна из ~ей Тянь-Шаня** яке аз шохаҳои кӯҳҳои Тянь-Шань 3. *(отрасль)* соҳа 4. шоха; **балтийская ~ь индоевропейских языков** шохаи балтикии забонҳои ҳиндуевропоӣ

ветер *м* шамол, бод; **порывистый ~** шамоли шадид; **попутный ~** боди шурта, боди мувофиқ; **резкий ~** шамоли сахт; **~ поднялся** шамол хест; **~ стих** шамол монд; **идти против ветра** бар муқобили шамол [роҳ] рафтан ◇ **~ в голове** *у кого* кутоҳандеш, бодӣ; **подбитый ветром** 1) *(об одежде)* тунук, пусти акка барин 2) *(о легкомысленном человеке)* ҳавоидаҳан, сабук, бодӣ; **бросать (кидать, швырять) деньги на ~** пулро бар бод додан; **бросать слова на ~** беҳуда (пойдарҳаво) гап задан, харзагуӣ кардан; **говорить на ~** беҳуда (фикр накарда) гап задан; **держать нос по ветру (по ветру)** созиш (замонасозӣ) кардан; **ищи (догоняй) ветра в поле** ёбу гир; на пай ҳасту на Ҳайдар; **как ветром сдуло** *кого* шамол бурдагӣ барин, якбора ғайб зад; **какой ~ занёс?, каким ветром занесло?** *кого* кадом шамол овард (парронд)?; **куда ~ дует** замонасоз; **откуда ~ дует** таги гап чист; **собака лает, ~ носит** *посл.* ≈ абрро бонги саг зиён накунад; ак-аки сагро бод бибарад

ветеран *м* 1. ветеран, аскари солхурда (пуртаҷриба) 2. ветеран *(одами дар соҳае бисьёр хизматкарда)*; **~ революции** ветерани революция; **~ труда** ветерани меҳнат

ветеринар *м* ветеринар, байтор, духтури ҳайвонот

ветеринария *ж* ветеринария (1. *илми байторӣ* 2. *муолиҷа ва пешгирии касалиҳои ҳайвонот)*

ветеринарн||ый, -ая, -ое ветеринарӣ, ...и ветеринария, ...и байторӣ, ...и илми байторӣ; **~ый врач** байтор, духтури ҳайвонот; **~ая лечебница** давохонаи ҳайвонот

ветерок *м уменьш.-ласк. к* **ветер** сабо, насим, шаббода ◇ **с ветерком** шамол барин, бо суръати бод; **подбитый ветерком** 1) *(об одежде)* тунук, пусти акка барин 2) *(о легкомысленном человеке)* ҳавоидаҳан, сабук, бодӣ

ветка *ж* 1. шох(а), шохча, навда 2. *ж.-д.* шохаи роҳи оҳан

ветла *ж* бед, сиёҳбед

ветлечебница *ж* (ветеринарная лечебница) давохонаи ҳайвонот

ветловый, -ая, -ое ...и бед, ...и сиёҳбед, сиёҳбедӣ

вето *с нескл.* вето, манъ *(ҳуқуқи боздоштан ё бекор кардани нишондодҳои органҳои қонунбарор)*; **накладывать ~** вето мондан, манъ кардан

ветошка *ж разг.* латтакуҳна, чағбут

ветошник *м уст.* кӯҳнафуруш

ветошный, -ая, -ое ...и латтакуҳна, ...и чағбут; **~ ряд** *уст.* растаи кӯҳнафурушон

ветошь *ж* латтакӯҳна, чағбут

ветреник *м разг.* одами сабук (бодӣ)

ветреница I *женск. к* **ветреник**

ветреница II *ж бот.* лолаи нуъмон

ветрено 1. *нареч.* сабукона; **~ вести себя** сабукона рафтор кардан 2. *в знач. сказ. безл.* шамол аст; **вчера было ~** дируз шамол буд

ветреность *ж* сабукӣ, ҳавоидаҳанӣ, бодигӣ

ветрен||ый, -ая, -ое (ветрен, -а, -о) 1. шамолрав, сершамол, ...и шамол; **~ый день** рузи шамол; **~ая погода** шамол 2. *перен. разг.* сабук, ҳавоидаҳан, бодӣ; **~ая голова** одами ҳардамхаёл, одами сабуксар (кутоҳандеш); **~ый человек** одами сабук (сабуксар)

ветрило *с уст. поэт. (парус)* бодбон ◇ **без руля и без ветрил** бе мақсаду бе маром

ветро- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маънои «шамол» меояд:* **ветромер** шамолсанҷ, бодсанҷ

ветровал *м собир. обл. см.* **бурелом**

ветров||ой, -ая, -ое 1. шамолӣ, ...и шамол, ...и бод 2. *(для защиты от ветра)* шамолгардон, бодгардон; **~ое стекло автомашины** оинаи шамолгардони автомошин

ветрогон *м* 1. *прост.* одами сабук (бодӣ), ҳавоидаҳан 2. *тех.* чархбод

ветрогонка *женск. к* **ветрогон** 1

ветродвигатель *м* муҳаррики бодӣ

ветрозащитн||ый, -ая, -ое шамолгардон, бодгардон; **~ая лесная полоса** дарахтзори ҳифзи шамол

ветромер *м метео* шамолсанҷ, бодсанҷ *(асбоби санҷиши қувваи бод)*

ветросилов||ой, -ая, -ое бодгард, бо қувваи бод гарданда; **~ая установка** дастгоҳи бо қувваи бод гарданда, бодгард

ветроэнергетика *ж* энергетикаи бод *(соҳаи техника, ки бо истифодаи қувваи бод машғул аст)*

ветроэнергетическ||ий, -ая, -ое энергетикии бодӣ; **~ая установка** дастгоҳи энергетикии бодӣ

ветряк *м* 1. *разг. см.* **ветродвигатель**; 2. *прост.* осиёи бодӣ

ветрянка I *ж обл. и прост. см.* **ветряк** 2

ветрянка II *ж разг.* гул, нағзак, обакон, гулафшон

ветрян||ой, -ая, -ое ...и шамол, шамолӣ, ...и бод, бодӣ; **~ая мельница** осиёи бодӣ

ве́трян||ый, -ая, -ое: **∼ая о́спа** гул, нағзак, обакон

ветфе́льдшер *м* (ветеринарный фельдшер) ёвари байтор

ве́тх||ий, -ая, -ое (ветх, -а́, -о) кӯҳна, фартут, фарсуда; **∼ая постро́йка** иморати фарсуда; **∼ий стари́к** пири фартут ◇ **Ве́тхий заве́т** *рел.* Аҳди Қадим, Таврот

ветхозаве́тный, -ая, -ое 1. ...и Аҳди Қадим 2. *перен. ирон.* кӯҳна, дақьёнусӣ, аз Дақьёнус мондагӣ; **∼ обы́чай** одати дақьёнусӣ

ве́тхость *ж* кӯҳнагӣ, фартутӣ, фарсудагӣ; **прийти́ в ∼** фартут (кӯҳна) шудан

ветчина́ *ж* ветчина (*гӯшти намаккарда ва дуддодашудаи хук*)

ветчи́нный, -ая, -ое ...и ветчина

ветша́ть *несов. прям., перен.* кӯҳна (фартут, фарсуда) шудан

ве́х||а *ж* 1. фарсангсор 2. *чаще мн.* **ве́хи** *перен.* марҳала(ҳо); **основны́е ∼и исто́рии** марҳалаҳои (давраҳои) асосии таърих

ве́че *с ист.* вече (*маҷлиси шаҳриён дар Руси Қадим, ки органи олӣ ҳисоб мешуд*)

вечев||о́й, -а́я, -о́е ...и вече; **∼о́й ко́локол** ноқуси вече; **∼а́я пло́щадь** майдони вече

ве́чер *м* 1. бегоҳ(ӣ), бегоҳон, бегоҳируз(ӣ), шаб, шом, шомгоҳ; **по ∼а́м** бегоҳирузҳо; **по́д ве́чер** қариби бегоҳ; **у́тро ∼а мудрене́е** *посл.* ≈ кори шаб хандаи рӯз; шаб обистан аст, то чӣ зояд субҳ 2. шабнишинӣ, зиёфат; **зва́ный ∼** зиёфати хосса 3. шаб, тамошои шабона; **∼ бале́та** шаби балет; **литерату́рный ∼** шаби адабӣ ◇ **до́брый ∼!** салом!, шаб ба хайр!

вечере́||ть *несов. безл.* торик (бегоҳ, шом) шудан; **уже́ ∼ет** торик шуда истодааст

вечери́нка шабнишинӣ, базм, зиёфат

вечерко́м *нареч. разг.* бегоҳирӯзӣ, шаб(она)

вече́рн||ий, -яя, -ее 1. бегоҳӣ, ...и бегоҳӣ, ...и шаб, ...и шом, шабона; **∼яя заря́** шафақи шом; **∼ее освеще́ние** чароғони шаб, рушноии шаб; **∼яя шко́ла** мактаби шабона 2. (*об одежде*) ...и ҷойравӣ, ...и базм; **∼ее пла́тье** либоси ҷойравӣ

вече́рник *м прост.* шабонахон (*талабаи мактаби шабона*)

вече́рня *ж церк.* ибодати шом, намози шом

ве́чером *нареч.* бегоҳӣ, бегоҳирӯзӣ, шомгоҳӣ

вече́рять *несов. обл.* хӯроки шом хӯрдан

ве́чно *нареч.* 1. абадан, абадулабад; **мате́рия существу́ет ∼** материя абадӣ вуҷуд дорад // (*длительное время*) доим, ҳамеша; **∼ по́мнить о ко́м-л.** касеро ҳеҷ гоҳ фаромуш накардан 2. *разг.* (*постоянно*) доимо, мудом, ҳамеша, ҳама вақт; **∼ он за́нят** вай доимо банд аст

вечнозелён||ый, -ая, -ое ҳамешасабз, ҳамешабаҳор; **∼ые расте́ния** растаниҳои ҳамешасабз

ве́чность *ж* абад, абадият, ҷовидонӣ ◇ **це́лая ∼** муддати дуру дароз, хеле вақт боз; **ка́нуть в ∼** абадӣ аз байн рафтан; **отойти́ в ∼** 1) аз дунъё чашм пӯшидан 2) ғарқи дарьёи фано шудан

ве́чн||ый, -ая, -ое (ве́ч|ен, -на, -но) 1. абадӣ, ҳамешагӣ, доимӣ, ҷовид(она), азалӣ; **∼ая мерзлота́** замини абадан яхбаста; **∼ые снега́** барфи доимӣ; **∼ая сла́ва** шуҳрати ҷовид 2. (*бессрочный*) доимӣ, бемуҳлат; **акт на ∼ое по́льзование землёй** акти истифодаи доимии (бемуҳлати) замин 3. дуру дароз, якумрӣ, доимӣ; **∼ые спо́ры** баҳсҳои доимӣ ◇ **∼ая исто́рия** боз ҳамин кор (гап), пештара барин; **∼ая па́мять** хотираи абадӣ; **ве́ки ∼ые** доимо, абадулабад; **на ве́ки ∼ые** абадуддаҳр; **засну́ть ∼ым сно́м** *книжн.* ба хоби абадӣ рафтан

вечо́р *нареч.* 1. *уст. и обл.* (*вчера вечером; вчера*) дина шаб; шаб 2. *прост. и обл.* (*вечером*) бегоҳирӯз(ӣ), шаб(она)

ве́шала *мн.* (*ед.* **ве́шало** *с*) овеза (*тори махсус барои хушконидани тури моҳигирӣ, моҳӣ ва ғ.*)

ве́шалк||а *ж* 1. (*крючок, гвоздь и т. п.*) либосовезак, мехи либосовезӣ 2. *разг.* (*помещение*) либосхона, хонаи либосовезӣ; **сдать пальто́ на ∼у** пальторо ба либосхона супоридан 3. (*петля у платья*) банди (овезаки) либос; **приши́ть ∼у** банди либосро дӯхтан

ве́шание *с* (*по знач. гл.* **ве́шать** I 1) овехтан(и), овезон кардан(и)

ве́шатель *м ист.* бадоркашанда, қотил

ве́ша||ть I *несов.* 1. *что* овехтан, овезон кардан; **∼ть занаве́ски на о́кна** ба тиреза парда кашидан 2. *кого* ба дор кашидан ◇ **∼ть соба́к на кого́-л.** *прост.* касеро мазаммат (маломат) кардан, гуноҳро ба гардани касе бор кардан; **хоть топо́р ∼й** *прост.* бисьёр дам додааст, бисьёр ғализ аст (*дар бораи ҳавои хона*)

ве́шать II *несов. кого-что разг.* баркашидан; **∼ хлеб** нон баркашидан

ве́шаться I *несов.* 1. худро овехта куштан 2. *страд.* овехта шудан, овезон карда шудан ◇ **∼ на ше́ю кому́-л.** 1) худро ба гардани марде андохтан 2) бисьёр шилқин (дилбазан) шудан

ве́шаться II *несов.* 1. *прост.* худро баркашидан (баркашондан) 2. *страд.* баркашида шудан

веше́ние *с* (*по знач. гл.* **веши́ть**) фарсангсор гузоштан(и)

веши́ть *несов. что* фарсангсор (нишон) гузоштан, қатормех зада рафтан

ве́шн||ий, -яя, -ее *уст. и обл.* баҳорӣ, ...и баҳор, ...и баҳорон; **∼ие во́ды** обҳои баҳорон

веща́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **веща́ть** 1, 2) суханронӣ; кароматт, пешгуӣ; **дар ∼я** қудрати кароматт 2. *радио* радиошунавонӣ

веща́ть *несов. что и без доп.* 1. *уст.* калонгирона сухан рондан, бо дабдаба гап задан 2. (*предсказывать*) кароматт (пешгуӣ) кардан 3. шунавонидан (*аз радио*)

вещев||о́й, -а́я, -о́е ...и чиз, ...и мол, ...и ашьё, шайъӣ, молӣ; **∼о́е снабже́ние** таъмини ашьё; **∼о́й склад** анбори мол; **∼о́й мешо́к** борхалта, кулвор

веще́ственность *ж* моддият, моддӣ (шайъӣ) будан(и)

веще́ственн||ый, -ая, -ое 1. *филос.* моддӣ, шайъӣ, ...и ашьё; **∼ый мир** оламии моддӣ 2. шайъӣ, ашьёӣ, ...и чизҳо; **∼ые доказа́тельства** *юр.* далелҳои шайъӣ

веществ||о́ *с* модда; **органи́ческие ∼а́** моддаҳои органикӣ; **неоргани́ческие ∼а́** моддаҳои ғайриорганикӣ; **пита́тельные ∼а́** моддаҳои ғизодеҳ; **обме́н веще́ств** *физиол.* мубодилаи моддаҳо

ве́щ||ий, -ая, -ее *уст.* дилогоҳ, хирадманд, доно; **«Песнь о ∼ем Оле́ге»** «Достони Олеги дилогоҳ»; **∼ий сон** хоби ваҳй

вещи́ца *ж* 1. *уменьш. к* **вещь** 1 чизи хурд (майда), чизак 2. маснуоти нодир; **∼ из слоно́вой ко́сти** маснуоти оҷ(ӣ) 3. *уменьш. к* **вещь** 2 асари хурд

вещмешо́к *м* (вещевой мешок) борхалта, кулвор

ве́щн||ый, -ая, -ое моддӣ, ...и ашьё, ...и мол ◇ **∼ое пра́во** *юр.* ҳуқуқи ашьё

вещу́н *м уст.* пешгуй, ғайбдон

вещу́нья *женск. к* **вещу́н**

вещ||ь *ж* 1. чиз, ашьё; **необходи́мая ∼ь** чизи даркорӣ (лозим) // *чаще мн.* **ве́щи** (*имущество*) бор, бору бун, молу мулк, лоқу пар, кола, амвол; **сдава́ть ∼и в бага́ж** борҳоро бағоҷ кардан 2. (*произведение литературы, науки, искусства*) асар; **в репертуа́ре теа́тра бы́ло не́сколько но́вых ∼е́й** дар репертуари театр якчанд асари нав буд 3. (*явление*) ҳодиса; **произошла́ необыча́йная ∼ь** ҳодисаи аҷибу ғариб рӯй дод 4. *в знач. сказ. разг.* (*нечто значительное*) чизи ҷолиби диққат, чизи олиҷаноб, кори калон; **да, э́то ∼ь!** оре, ин чизи олиҷаноб! 5. *филос.* чиз; **∼ь в себе́** и **∼ь для нас** чизи ба худ ва чизи барои мо ◇ **в поря́дке ∼е́й** одатист, муқаррарист, табиист; **в приро́де ∼е́й** зотан, табиатан; **си́лою (в си́лу) ∼е́й** ба сабаби (бинобар) вазъияти рӯйдода; **называ́ть ∼и свои́ми (со́бственными, настоя́щими) имена́ми** ҳаққи гапро гуфтан, шаф-шаф нагуфта шафтолу гуфтан

ве́ялка *ж с.-х.* мошини боддеҳ, мошини бодкунӣ, мошини шамолдеҳ

ве́яльщик *м* боддиҳанда, бодкунанда, коргари мошини шамол

ве́яни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **ве́ять**) вазиш, вазидан(и); **∼е ветерка́** вазиши шаббода 2. *перен.* буй, бод; ақида, равия, руҳ, тамоюл; **∼е вре́мени** руҳи замон; **но́вые ∼я** тамоюлоти нав

ве́янный *прич.* (веян, -а, -о) бод додашуда

ве́ян||ый, -ая, -ое бод додашуда; **∼ое зерно́** ғаллаи бод додашуда

ве́ять *несов.* 1. вазидан; **ве́ет лёгкий ветеро́к** насими форам мевазад 2. *чаще безл. чем* ҳис карда шудан, буи чизе омадан; **ве́ет прохла́дой** салқинӣ ҳис карда мешавад // *перен.* ҳис шудан, наздик омадан 3. (*колыхаться*) лаппидан, ҳилпирас задан; **ве́ют кра́сные знамёна** байрақҳои сурх ҳилпирас мезананд

4. *что и без доп. с.-х.* бод додан (кардан); ~ **зерно** ғалларо бод додан
веяться *несов. страд.* бод дода шудан
вжатие *с см.* **вжимание**
вжать *сов. что* фуру додан, пахш кардан; фишурда даровардан, тиққондан
вжа||ться *сов.* худро тиққондан, худро ба дарунтар гирифтан, дарунтар даромадан; **он крепче ~лся в снег** вай худро ба дарунтари барф тиққонд
вживание *с (по знач. гл.* **вжиться)** ба чизе одат кардан(и), ба чизе ху гирифтан(и), аз худ кардан(и); ~ **в образ** ба образ даромадан(и)
вживаться *несов. см.* **вжиться**
вживе *нареч. уст. и прост.* 1. *(при жизни)* зинда, дар вақти зинда будан 2. *(в живых)* зинда, саломат
вжимание *с (по знач. гл.* **вжать)** фуру додан(и), тиққондан(и); *(по знач. гл.* **вжаться)** худро тиққондан(и), худро ба дарунтар гирифтан(и)
вжимать *несов. см.* **вжать**
вжиматься *несов.* 1. *см.* **вжаться**; 2. *страд.* фуру дода шудан, тиққонда шудан
вжиться *сов. разг.* одат кардан, ху (унс) гирифтан
вз= (взо=, взъ=, вс=) *приставка префиксе, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *боло рафтан* — **взлететь** парвоз кардан, [ба боло] паридан; **взбежать** давида боло баромадан 2) *шиддат, қувва ва суръати амал ё ҳолат* — **взбухнуть** дамидан, варам кардан; **взвыть** якбора уллос кашидан; **взмолиться** таваллову зорӣ кардан 3) *шиддати анҷоми амал* — **взбесить** ба қаҳру ғазаб овардан; **взболтать** ҷунбонда омехтан
взад *нареч. разг.:* ~ **и вперёд** пасу пеш, ин су-он су; **ни ~, ни вперёд** на пасу на пеш, аз ҷои худ наҷунбида, на ин су, на он су
взаём *нареч. прост. см.* **взаймы**
взаимност||ь *ж* 1. дутарафа будан(и) 2. *(ответное чувство)* муҳаббати дутарафа; **пользоваться ~ью** ошиқу маъшуқ будан; **отвечать ~ью** изҳори муҳаббат кардан, дил додан
взаимн||ый, -ая, -ое (взаим|ен, -на, -но) дутарафа, тарафайн, мутақобил; **~ое доверие** эътимоди тарафайн ◇ **~ый залог** *грам.* тарзи мутақобила *(тарзи феъл, ки амали якҷояи ду ё якчанд кас, ё предметро ифода мекунад)*
взаимо= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дутарафа», «мутақобил»:* **взаимопонимание** ҳусни тафоҳум
взаимовыгодн||ый, -ая, -ое ...и манфиати мутақобила, ба ҳар ду тараф фоиданок; **~ое сотрудничество** ҳамкории муфид
взаимовыручка *ж разг.* ёрии ҳамдигарӣ
взаимодействи||е *с* ҳамкорӣ, якҷоя амал кардан(и), таъсири (амали) мутақобил; **во ~и** якҷоя амал карда, ҳамкорӣ карда
взаимодействовать *несов.* ҳамкорӣ кардан, якҷоя амал кардан
взаимозависимость *ж* вобастагии дутарафа, ба ҳам вобаста будбн(и); ~ **между промышленностью и сельским хозяйством** вобастагии мутақобили саноату хоҷагии қишлоқ
взаимоисключающий, -ая, -ее ҳамдигарро истиснокунанда
взаимообусловленность *ж* вобаста будан(и), бо ҳам робита доштан(и); ~ **явлений в природе и обществе** бо ҳам вобаста будани ҳодисаҳои табиату ҷамъият
взаимоотношени||е *с* робитаи (муносибати) дутарафа; **нормальные ~я** муносибатҳои муътадил
взаимопомощ||ь *ж* ёрии (дастгирии) ҳамдигарӣ, муовинат; **товарищеская ~ь** дастгирии рафиқонаи ҳамдигар ◇ **касса ~и** кассаи муовинат
взаимопонимание *с* ҳусни тафоҳум, ҳамдигарро фаҳмидан(и)
взаимосвязь *ж* робитаи дутарафа, робитаи мутақобила
взаймы *нареч.* ба тариқи қарз, ба қарз, қарз; **взять ~** қарз гирифтан; **дать ~** қарз додан
взамен *нареч. и предлог с род.* ба ивазаш, ба ивази..., ба бадали...
взаперти *нареч.* 1. *(под замком)* дар ҷои дарбаста, дар хонаи дараш қулф, пушти дари баста 2. *перен.* танҳо, якка, дар уэлат; **сидеть ~** танҳо дар хона нишастан
взаправдашний, -яя, -ее *прост.* ҳақиқӣ, ростинчак
взаправду *нареч. прост.* ҳақиқатан, ба ростӣ
взапуски *нареч. разг.* дав-давак, басмабаскунон, мусобиқакунон; **бегать ~** басмабаскунон давидан
взасос *нареч. прост.* бисьёр сахт, дуру дароз; **целовать ~** лаб макидан, сахт бусидан
взатяжку *нареч. прост.:* **курить ~** қуллоб кашида тамоку кашидан
взахлёб *нареч. прост.* тез-тез, саросемавор, шитобкорона; **рассказывать ~** саросемавор нақл кардан
взашей *нареч. прост.* ба буни гардан зада; **гнать ~** ба буни гардан зада рондан, зада ҳай кардан
взбадривать *несов. см.* **взбодрить**
взбадриваться *несов.* 1. *см.* **взбодриться**; 2. *страд.* руҳбаланд карда шудан
взбаламутить *сов. прост.* 1. *что* лой кардан; ~ **воду** обро лой кардан 2. *кого-что перен. (взволновать)* низоъ андохтан, иғво кардан, шуронидан
взбаламутиться *сов. прост.* 1. лой шудан 2. *перен. (взволноваться)* ошуфтан, шуридан
взбалмошный, -ая, -ое (взбалмош|ен, -на, -но) *разг.* ҳардамхаёл, девонаавзоъ, булҳавас
взбалтывание *с (по знач. гл.* **взболтать)** ҷунбонда омехтан(и), қаллоқ зада омехтан(и), такондан(и)
взбалтывать *несов. см.* **взболтать**
взбалтываться *несов.* 1. *см.* **взболтаться**; 2. *страд.* ҷунбонда омехта шудан
взбегание *с (по знач. гл.* **взбежать)** дартоз баромадан(и), тозон баромадан(и), давида болобарої
взбегать *несов. см.* **взбежать**
взбежать *сов.* дартоз баромадан, тозон баромадан, давида боло баромадан; ~ **на пригорок** тохта ба теппача баромадан
взбеленить *сов. кого прост.* оташин (ғазабнок, хашмгин) кардан, ба шур овардан
взбелениться *сов. прост.* оташин (дарғазаб, хашмгин) шудан, сахт қаҳр кардан, ба шур омадан
взбесить *сов. кого* оташин (дарғазаб, хашмгин, девона) кардан, ба қаҳру ғазаб овардан
взбеситься *сов.* 1. *(заболеть бешенством)* хор шудан; девона шудан 2. *(прийти в бешенство)* оташин (дарғазаб, хашмгин, девона) шудан
взбивание *с (по знач. гл.* **взбить)** фах кардан(и), лат задан(и); қаллоқ задан(и)
взбивать *несов. см.* **взбить**
взбиваться *несов.* 1. *см.* **взбиться**; 2. *страд.* фах карда (лат зада) шудан
взбивка *ж см.* **взбивание**
взбираться *несов. см.* **взобраться**
взбит||ый, -ая, -ое 1. *прич.* чилчуб задашуда 2. *прил.* фаххак, фаххук; **~ая перина** бистари фаххак 3. чилчуб задашуда, фаххак, кафкнок
взбить *сов. что* 1. зада фах кардан; ~ **подушки** болиштҳоро зада фах кардан 2. *(вспенить)* чилчуб зада кафк баровардан, қаллоқ (лат) зада кафк кунондан; ~ **яичные белки** сафедии тухмро лат зада кафк кунондан
взбиться *сов.* 1. фах шудан 2. *(вспениться)* аз задан кафк кардан, кафк баровардан
взблеск *м* дурахш, рахш, ҷило, фуруғ; **~и молний** ҷилои барқ
взблёскивание *с (по знач. гл.* **взблеснуть)** дурахшиш, дурахшидан(и), ялаққос задан(и)
взблёскивать *несов. см.* **взблеснуть**
взблеснуть *сов. однокр.* якбора дурахшидан (рахшон шудан), ялаққос задан, барқ задан
взбодри||ть *сов. кого-что разг.* зиндадил (руҳбаланд) кардан, руҳ бахшидан; **радостная весть ~ла его** хабари хуш ба у руҳ бахшид
взбодриться *сов. разг.* зиндадил (руҳбаланд) шудан, руҳ гирифтан
взболтать *сов. что* ҷунбонда (такон дода) омехтан, қаллоқ (лат) зада омехтан; ~ **микстуру перед употреблением** доруи обакиро пеш аз истеъмол ҷунбонда омехтан
взболтаться *сов.* ҷунбида омехта шудан
взболтнуть *сов. однокр. к* **взбалтывать**
взбороздить *сов. что* огард кардан, ҷуяк кашидан; ба ҳар су бурида ғузаштан
взборонить *сов. что* мола (сихмола) кардан; ~ **землю** заминро сихмола кардан
взбредать *несов. см.* **взбрести**

взбрестѝ *сов. разг.* ба зур боло баромадан; ~ **на гору** ба зур болои кӯҳ баромадан ◇ ~ **в го́лову (на ум)** *кому* ба хаёл омадан; **он болта́ет, что взбредёт в го́лову** у дар бораи ҳар чизе, ки ба хаёлаш ояд, мелаққад

взбры́згивать *несов. см.* **взбры́знуть**

взбры́згиваться *несов. страд.* пошида шудан

взбры́знуть *сов. кого-что* 1. *разг.* пошидан, пошида тар кардан, шакароб задан; ~ **цветы́ водо́й** ба гулҳо об пошидан 2. *прост. шутл.* ҳалқро тар кардан

взбры́кивать *несов. см.* **взбрыкну́ть**

взбрыкну́ть *сов. однокр.* лагад задан, қушлагад партофтан *(дар бораи ҳайвонот)*

взбугри́||ть *сов. что* теппа (тал) (хоктӯда) кардан; **кроты́ ~ли зе́млю** курмушҳо заминро кофта хоктӯда кардаанд

взбугри́ться *сов.* теппадор (хоктуда) шудан, тал шудан

взбудора́живать *несов. см.* **взбудора́жить**

взбудора́живаться *несов.* 1. *см.* **взбудора́житься**; 2. *страд.* ба ҳаяҷон оварда шудан, ба ташвиш андохта шудан, музтариб шудан

взбудора́жить *сов. кого-что разг.* ба ҳаяҷон овардан, ба ташвиш (ба изтироб) андохтан, шӯрондан

взбудора́житься *сов. разг.* ба ҳаяҷон омадан, ба ташвиш (ба изтироб) афтидан, ба шӯр омадан, шӯридан

взбунтова́ть *сов. кого-что* исьён (балво) кунондан, ба шур овардан

взбунтова́ться *сов.* исьён (балво) кардан, ба шӯр омадан; ёғӣ (осӣ) шудан

взбурли́ть *сов. что* кафк кунондан; мавҷ хезондан, ба талотум овардан, туғьён кунондан

взбуха́ть *несов. см.* **взбу́хнуть**

взбу́х||нуть *сов.* дамидан; дам кардан; *(о почках)* муғча кардан; **река ~ла** дарьё дамид

взбу́чить I *сов. кого прост.* 1. сахт задан, зарбу лат кардан, гушмол додан 2. сахт танбеҳ додан

взбу́чить II *сов. прост. см.* **вспу́чить**

взбу́чк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **взбу́чить** I) зарбу лат кардан(и), гушмол додан(и); сахт танбеҳ додан(и) 2. шатта; танбеҳ, сарзаниш; **получи́ть ~у** шатта хӯрдан; гап шунидан; **зада́ть ~у** шатта задан; сарзаниш кардан

взбушева́ться *сов. нар.-поэт.* якбора ба талотум омадан, туғьён (туфон) кардан, якбора шуридан

вва́ливать *несов. см.* **взвали́ть**

взва́ливаться *несов. страд.* бор карда шудан, партофта шудан

взвали́||ть *сов. на кого-что* 1. *что* бор кардан, гузоштан, партофтан; **~ть мешо́к на́ спину** *ҷуволро бардошта ба* пушт партофтан 2. *перен. разг.* ба зиммаи касе гузоштан, ба гардани касе бор кардан; **на него́ ~ли все хлопо́ты** тамоми ташвишро ба гардани у бор карданд; **~ть вину́ на друго́го** гуноҳро ба гардани каси дигар партофтан

взвар *м обл.* 1. гиёҳоба, меваоб 2. ғулунгоб

взведе́ние *с (по знач. гл.* **взвестѝ** 1, 3) боло баровардан(и); ба гардани касе партофтан(и)

взве́сить *сов.* 1. *кого-что* баркашидан; ~ **паке́т** лифофаро баркашидан 2. *что перен.* санҷидан, фикр карда баромадан, андозу баркаш кардан; ~ **все до́воды** тамоми далелҳоро санҷидан; ~ **все за и про́тив** тамоми ҷиҳатхои масъаларо санҷидан

взве́ситься *сов.* худро баркашидан

взвестѝ *сов. кого-что* боло баровардан, бардоштан; ~ **на́ гору** ба кӯҳ баровардан ◇ ~ **куро́к** куланги милтиқро бардоштан (кашидан); ~ **поклёп на кого́-л.** ба касе туҳмат кардан

взвести́сь *сов. (о курке)* бардошта (кашида) шудан *(дар бораи куланги милтиқ ё таппонча)*

взвесь *ж физ., тех.* моддаи муаллақ, моддаи ҳалнашуда *(заррахои ягон ҷисми сахт дар моеъ ё газ)*

взве́шенный, -ая, -ое 1. *прич.* баркашидашуда, баркаш кардашуда 2. *прил. физ.* муаллақ, обнашуда, ҳалнашуда *(дар бораи заррахои ҷисми сахт дар моеот ё газ)*

взве́шивание *с (по знач. гл.* **взве́сить)** баркашидан(и); санҷиш

взве́шивать *несов. см.* **взве́сить**

взве́шиваться *несов.* 1. *см.* **взве́сяться**; 2. *страд.* баркашида шудан; санҷида шудан

взвива́ть *несов. см.* **взвить**

взвива́ться *несов.* 1. *см.* **взви́ться**; 2. *страд.* бардошта шудан

взви́де||ть *сов. что чаще с отриц. уст. и прост.* дидан ◇ **не ~ть све́та** *от чего* олам ба назар нанамудан; **он не ~л све́та от бо́ли** аз дард олам ба назараш наменамуд

взвизг *м разг.* вангос, чиррос

взви́згивание *с (по знач. гл.* **взви́згнуть)** вангос (чиррос) задан(и)

взви́згивать *несов. см.* **взви́згнуть**

взви́згнуть *сов. однокр.* якбора вангос (чиррос) задан

взвинти́ть *сов. кого-что разг.* ба ҳаяҷон овардан, асабонӣ (оташин) кардан; ~ **не́рвы** асабонӣ кардан (шудан); ~ **себя́** худро асабонӣ (оташин) кардан ◇ ~ **це́ны** нархҳоро якбора боло бардоштан

взвинти́ться *сов. разг.* ба хаяҷон омадан, асабонӣ (оташин) шудан

взви́нченность *ж* асабонӣ будан(и), оташин шудан(и)

взви́нченн||ый, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* ба ҳаяҷон овардашуда 2. *прил.* асабонӣ, оташин; **у него́ бы́ло ~ое настрое́ние** вай асабонӣ буд

взви́нчивание *с (по знач. гл.* **взвинти́ть)** ба ҳаяҷон овардан(и), асабонӣ (оташин) кардан(и)

взви́нчивать *несов. см.* **взвинти́ть**

взви́нчиваться *несов.* 1. *см.* **взвинти́ться**; 2. *страд.* ба хаяҷон оварда шудан, асабонӣ карда шудан

взви||ть *сов. что* бардоштан, давр (чарх) занонда боло бардоштан; **ветер ~л пыль** шамол чангро боло бардошт

взви́||ться *сов.* боло баромадан, парида (давр зада, чарх зада) боло баромадан, печида ба ҳаво рафтан; **орёл ~лся под облака́** уқоб парида боло баромад

взви́хрить *сов. что* гирд гардонда (тоб хуронда) бардоштан, печонда ба ҳаво бардоштан

взвихри́ть *сов. что* пахмоқ (фах, фатила) кардан *(муйро)*

взви́хриться *сов.* чарх зада боло баромадан, печида ба ҳаво баромадан

взвихри́ться *сов. разг.* пахмоқ (фах, фатила) шудан (дар бораи муй)

взвод I *м* взвод *(ҷузъи рота, эскадрон ё батарея)*; **команди́р ~а** командири взвод

взвод II *м* моша, кулфи куланг; **поста́вить куро́к на** ~ кулангро бардоштан (кашидан) ◇ **быть на ~е** сархуш (ширакайф) будан

взводи́ть *несов. см.* **взвести́**

взводи́ться *несов.* 1. *см.* **взвести́сь**; 2. *страд.* бардошта шудан

взводн||о́й, -а́я, -о́е болобардор; **~а́я пружи́на** фанари болобардор

взво́дный, -ая, -ое 1. ...и взвод 2. *в знач. сущ.* **взво́дный** *м* командири взвод

взволно́ванность *ж* ошуфтагӣ, изтироб, ҳаяҷон

взволно́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ба ҳаяҷон овардашуда, ошуфташуда 2. *прил.* пурҳаяҷон, пуризтироб, ошуфта, мушавваш; **~ое лицо́** чеҳраи пуризтироб

взволнова́||ть *сов.* 1. *что (поднять волны)* мавҷ занондан, ба талотум овардан 2. *кого-что перен.* ба ҳаяҷон (ба изтироб) овардан, музтариб кардан, ошуфта кардан; **разгово́р ~л его** сӯҳбат вайро ба ҳаяҷон овард

взволнова́||ться *сов.* 1. пурмавҷ шудан, ба талотум омадан; **о́зеро ~лось** оби кул ба талотум омад 2. *перен. (встревожиться)* ба ҳаяҷон омадан, ошуфтан, ба изтироб омадан, мушавваш шудан

взвыть *сов.* 1. якбора уллос кашидан 2. *разг.* сахт гирья кардан 3. *перен. прост.* фиғон кашидан, фарьёд кашидан (баровардан); **погоди́, ещё не так взво́ешь** андак ист, ҳоло фиғонат мебарояд

взгляд *м* 1. назар, нигоҳ, чашм; **мимолётный** ~ *назари сатҳӣ*; **при́стальный** ~ нигоҳи бодиққат; ~ **укра́дкой** нимнигоҳ; нигоҳи зери чашм; **бро́сить** ~ назар андохтан; **устреми́ть** ~ чашм дӯхтан; **отвести́** ~ чашм ба поён (ба пеш) афкандан; **следи́ть ~ом** мағрурона чашм дӯхтан; **обвести́ ~ом** чашм давондан, аз назар гузарондан; **обменя́ться ~ами** чашм ба чашм андохтан 2. фикр, нуқтаи назар, мулоҳиза, ақида; **полити́ческие ~ы** ақидаҳои сиёсӣ; **разделя́ть чьи-л. ~ы** ҳамфикри касе шудан ◇ **глубо́кий** ~ нигоҳи маънидор; **на** ~ зоҳиран, ба назари дид, аз намуд, аз афташ; **на ~ ей о́коло тридцати́ лет** зоҳиран вай қариб сисола аст; **на мой (твой, его** *и т. д.*) ~ ба назарам, ба назари (ба ақидаи) ман

(ту, вай *ва ғ.*); **с одного ~а** дидан замон, ба як дидан; **с первого ~а, на первый** ~ дар назари аввал, ба як дидан; **пожирать ~ом** ҳарисона (бо чашми харидор, тамаллуққорона) нигоҳ кардан, чашм катӣ хурдан; **пронзить ~ом** бо чашми тез нигоҳ кардан

взглядывать *несов. см.* **взглянуть**

взглянуть *сов.* 1. нигоҳ кардан, чашм андохтан, назар афкандан 2. *перен.* диққат кардан, ҷиддӣ (бо диққат) нигоҳ кардан, чашм духтан; ~ **на дело серьёзно** ба масъала ҷиддӣ нигоҳ кардан, ба кор аҳамияти ҷиддӣ додан ◇ **[хоть] одним глазком** ~ як чашм андохтан, як лаҳза дидан

взглянуться *сов. безл. прост.*: **как ему взглянется** чӣ хеле ки лозим донад, чӣ хеле ки дуруст шуморад, ба салоҳдиди худаш

взгорье *с разг.* баландӣ, теппа, тал

взгревать *несов. см.* **взгреть**

взгреть *сов. кого-что прост.* 1. *(побить)* задан, зарбу лат кардан 2. *(выругать)* танбеҳ додан, сарзаниш (мазаммат) кардан

взгромождать *несов. см.* **взгромоздить**

взгромождаться *несов.* 1. *см.* **взгромоздиться**; 2. *страд.* болои ҳамдигар чида шудан

взгромоздить *сов. что разг.* ба зӯр болои ҳамдигар чидан (ғарам кардан), ба зӯр болои ҳам бор кардан

взгромоздиться *сов. разг.* ба зӯр ба боло баромадан

взгрустну||ть *сов. разг.* андак ғамгин (андӯҳгин, маҳзун) шудан, кадре хафа (зиқ) шудан; **он что-то ~л** ӯ барои чӣ бошад, хафа менамояд

взгрустну||ться *сов. безл.* андак ғамгин (андуҳгин, маҳзун) шудан, қадре хафа (зиқ) шудан; **мне ~лось** андак зиқ шудам

вздваивать *несов. см.* **вздвоить**

вздвоить *сов. что воен.* ду қатор кардан, дуқатора кашидан; **ряды вздвой!** сафро ду қатор кун!

вздвоить *сов. что с.-х.* дубора шудгор кардан, такроран рондан; ~ **поле** заминро дубора шудгор кардан

вздевать *несов. см.* **вздеть**

вздёргивать *несов. см.* **вздёрнуть**

вздёргиваться *несов.* 1. *см.* **вздёрнуться**; 2. *страд.* кашида боло бардошта шудан

вздёрнутый, -ая, -ое 1. *прич.* кашида боло бардошташуда 2. *прил. (приподнятый)* =боло; ~ **носик** бинии нӯгболо

вздёрнуть *сов. разг.* 1. *кого-что* кашида боло бардоштан, боло кашидан 2. *кого (повесить)* ба дор кашидан ◇ ~ **нос** *прост.* бинӣ боло кардан, димоғ кардан

вздёрнуться *сов. разг.* якбора босуръат боло баромадан

вздеть *сов. что уст.* 1. *(поднять)* боло бардоштан; ~ **руки** дастҳоро боло бардоштан 2. *на что (нанизать)* гузарондан, ҳамел кардан

вздор *м разг.* сафсата, ҳарза, ёва; музахраф; **молоть** ~ сафсата гуфтан, ҳарзагӯӣ кардан

вздорить *несов. разг.* ҷанҷол (низоъ, ҷанг, хархаша) кардан

вздорность *ж разг.* 1. беҳудагӣ, бемаънигӣ 2. ҷанҷолхоҳӣ, шаттоҳӣ

вздорн||ый, -ая, -ое (вздор|ен, -на, -но) *разг.* 1. *(нелепый)* беҳуда, бемаънӣ, наарзанда; **~ые слухи** овозаҳои дуруғ (беасос) 2. *(сварливый)* ҷанҷолӣ, ҷангара, шаттоҳ

вздорожание *с (по знач. гл.* **вздорожать)** қиматшавӣ, баландшавии нарх

вздорожать *сов.* қимат шудан, баланд (зиёд) шудан *(оид ба нарх)*

вздох *м* нафас ◇ **до последнего ~а** то дами вопасин, то нафаси охирин; **испустить последний** ~ ҷон додан, нафаси охирин кашидан

вздохнуть *сов.* 1. *однокр. к* **вздыхать** 1; 2. *разг.* андак дам гирифтан, нафас рост кардан; ~ **некогда** вақти нафас рост кардан нест ◇ ~ **свободно** нафаси барохат кашидан, озод нафас гирифтан

вздрагивать *несов. см.* **вздрогнуть**

вздремнуть *сов. разг.* пинак рафтан, ғанаб кардан

вздремну||ться *сов. безл. кому разг.*: пинак рафтан, ғанаб карда гирифтан; **в тишине мне ~лось** дар хомӯшӣ ғанаб карда гирифтаам

вздрогнуть *сов.* якбора ларзидан, як қад паридан

вздувание *с (по знач. гл.* **вздуть** I) баланд кардан(и), қимат кардан(и); даргирондан(и)

вздувать *несов. см.* **вздуть** I

вздуваться *несов.* 1. *см.* **вздуться**; 2. *страд.* вазида бардошта шудан; аз ҳад зиёд баланд карда шудан

вздума||ть *сов. с неопр. разг.* ногаҳон ба кароре омадан, ба фикре афтодан **он ~л поехать на охоту** вай ногаҳон ба фикри шикорравӣ афтод ◇ **не ~й(те)** зинҳор; **не ~й(те) плакать** зинҳор гиря накун(ед)

вздума||ться *сов. безл. кому с неопр. разг.* ногаҳон хостан, ба фикре афтодан, ният пайдо кардан; **ему ~лось заехать в село** ногаҳон хост ба қишлоқ дарояд; **как ему ~ется** чӣ хеле ки хоҳад, ҳар тавре ки дилаш хоҳад

вздуриться *сов. прост.* гаранг (гиҷ) шудан; дарғазаб (оташин) шудан

вздутие *с* 1. *(по знач. гл.* **вздуться)** варам (дам) кардан(и); ~ **живота** дам кардани шикам 2. *(припухлость)* варам, омос, бод

вздутость *ж* варам, омос, бод; аз ҳад зиёд баланд карда шудан(и)

вздут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* вазида бардошташуда; варам (дам) кунондашуда 2. *прил. (распухший)* варамида, омосида, дамида, бодгирифта; **~ый живот** шиками бодгирифта 3. *прил. перен.* аз ҳад зиёд баланд, қимат; **~ые цены** нархҳои аз ҳад зиёд баланд

взду||ть I *сов. что* 1. вазида бардоштан; **ветер ~л листья** бод вазида баргҳоро бардошт 2. варам кунондан, дамондан; **живот ~ло** шикамам варам кард 3. *перен. разг. (повысить)* аз ҳад зиёд баланд кардан, қимат кардан; **~ть цены** нархҳоро аз ҳад баланд кардан 4. *прост. и обл. (разжечь)* пуф карда даргирондан; ~ **огонь в печке** пуф карда оташи печкаро даргирондан

вздуть II *сов. кого прост. (отколотить)* задан, куфтан, зарбу лат кардан

взду||ться *сов. разг.* 1. *уст. (подняться от ветра)* боло бардошта шудан *(аз вазиши шамол)* 2. дамидан, дам кардан; **река ~лась** дарьё дамид 3. варам (дам, нафх) кардан, омосидан; **щека ~лась от флюса** лунҷ аз дарди дандон варам кардааст 4. *перен.* аз ҳад зиёд баланд шудан, қимат шудан; **цены ~лись** нархҳо аз ҳад зиёд баланд шуданд

вздыбить *сов. кого* хез занондан

вздыби||ться *сов.* 1. хез задан; **конь ~лся** асп хез зад 2. боло (баланд) шудан, рост (сих) шудан; **волна ~лась** мавҷ боло хест

вздыбливать(ся) *несов. см.* **вздыбить(ся)**

вздыма||ть *несов. что* баланд кардан, баланд (боло) бардоштан, бархезондан, хезондан; **ветер ~л искры костра** шамол шарораҳои гулханро боло мебардошт

вздыма||ться *несов.* 1. боло баромадан, баланд (боло) шудан, бархостан, қад кашидан; **из-за гор ~ется солнце** офтоб аз паси кӯҳ боло мешавад 2. баланду паст шудан *(дар бораи сина)*; **её грудь ~лась от волнения** синаи вай аз ҳаяҷон баланду паст мешуд 3. *страд.* баланд (боло) шудан, боло бардошта шудан

вздыхание *с (по знач. гл.* **вздыхать** 1) нафас кашидан(и)

вздыхатель *м уст. разг.* дилбаста, дилдода, шефта

вздыхать *несов.* 1. нафас кашидан; **тяжело** ~ чуқур нафас кашидан 2. *по ком-чём, о ком-чём* оҳ кашидан, оҳу воҳ кардан, ғусса хурдан, ҳасрат кашидан 3. *по ком разг.* дилдода (шефта) шудан

взимание *с (по знач. гл.* **взимать)** ғундоштан(и), руёнидан(и), ситониш

взимать *несов. что* ғундоштан, чидан, рӯёнидан, ситондан; ~ **штраф** ҷарима ситондан

взиматься *несов. страд.* ғундошта (ситонда) шудан

взирать *несов. на кого-что уст.* нигох (назар) кардан

взламывание *с (по знач. гл.* **взломать)** шикаста кушодан(и), шикастан(и)

взламывать *несов. см.* **взломать**

взламываться *несов. страд.* 1. *см.* **взломаться**; 2. *страд.* шикаста шудан

взлезать *несов. см.* **взлезть**

взлезть *сов. разг.* ба болои чизе баромадан; ~ **на вершину дерева** ба нуги дарахт баромадан

взлелеять *сов.* 1. *кого* парваридан, навозиш кардан, бо меҳр (ғамхорона) тарбия кардан; ~ **ребёнка** фарзандро бо меҳр тарбия кардан 2. *что перен.* парваридан; ~ **мечту** орзу дар дил парваридан

взлёт *м* 1. (*по знач. гл.* **взлете́ть**) парвоз, парвоз кардан(и) 2. *перен.* парвоз, рухбаландӣ, илҳом; ~ **тво́рческой мы́сли** парвози фикри эҷодӣ

взлета́ние *с см.* взлёт 1

взлета́ть *несов. см.* взлете́ть

взлете́||ть *сов.* 1. парвоз кардан, боло паридан, парида боло шудан; **раке́та ~ла в не́бо** ракета ба ҳаво баланд шуд 2. *разг.* дартоз боло баромадан, давида баромадан; **~ть по ле́стнице** дартоз ба зина баромадан ◇ **~ть на во́здух** 1) таркида пош хӯрдан 2) (*рассеяться — о планах, мечтах и т. п.*) бар бод рафтан

взлётн||ый, -ая, -ое *ав.* ...и парвоз; **~ая площа́дка** майдони парвоз

взлом *м* (*по знач. гл.* **взлома́ть**) шикаста кушодан(и); **кра́жа со ~ом** қулфро шикаста дуздӣ кардан(и)

взлома́ть *сов. что* 1. шикаста кушодан, шикаста бардоштан, шикастан; ~ **пол** фаршро шикаста бардоштан 2. *воен.* шикастан, рахна кардан, бартараф кардан; ~ **оборо́ну проти́вника** хатти мудофиаи душманро рахна кардан

взлома́ться *сов.* шикастан (*дар бораи ях*)

взло́мщик *м* дузди қулфшикан

взлохма́тить *сов. кого-что* тит (фатила, пахмоқ) кардан; жулидамуй кардан

взлохма́титься *сов.* тит (фатила, пахмоқ) шудан; жулидамуй шудан

взлохма́ченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* титшуда, фатилашуда 2. *прил.* тит, фатила, пахмоқ; жӯлидамӯй, пахмокмӯй; **~ые во́лосы** муи фатила; **~ая голова́** сари жӯлидамуй

взлохма́чивать *несов. см.* взлохма́тить

взлохма́чиваться *несов.* 1. *см.* **взлохма́титься**; 2. *страд.* тит (пахмоқ) карда шудан

взлущи́ть *сов. что* пустлох кандан, аз пучоқ баровардан, муқашшар кардан

взмах *м* (*по знач. гл.* **взмахну́ть**) афшондан(и), задан(и); ~ **кры́льев** болафшонӣ; қанотзанӣ; ~ **руки́** дастафшонӣ

взма́хивание *с см.* **взмах**

взма́хивать *несов. см.* **взмахну́ть**

взмахну́ть *сов. чем* афшондан, задан; ~ **кры́льями** бол задан, қанот афшондан; ~ **руко́й** даст афшондан

взма́щивать(ся) *несов. см.* **взмости́ть(ся)**

взмести́ *сов. что уст.* боло бардоштан, баланд кардан

взмёт *м* 1. (*по знач. гл.* **взмета́ть** I 1 *и* **взметну́ть**) хезондан(и), ҳаво додан(и) 2. тез болоравӣ (баландшавӣ) 3. *с.-х.* шудгори якум

взмета́ть I *сов. что* 1. (*подбросить*) хезондан, ҳаво додан 2. *с.-х.* шудгор кардан

взмета́ть II *несов. см.* **взмести́** *и* **взметну́ть**

взметну́ть *сов. однокр.* 1. *что* тез бардоштан, хезондан, ҳаво додан 2. *чем* (*взмахнуть*) афшондан, чунбондан

взметну́||ться *сов.* тез боло баромадан, паридан; **~лся столб ды́ма** сутуни дуд якбора боло шуд

взмётывать *несов. см.* **взмета́ть** I *и* **взметну́ть**

взмётываться *несов.* 1. *см.* **взметну́ться**; 2. *страд.* ҳаво дода шудан

взмока́ть *несов. см.* **взмо́кнуть**

взмо́кнуть *сов. разг.* тар шудан, шилтиқ (шилта) шудан, нам кашидан; ~ **от дождя́** аз борон тар шудан

взмоли́ться *сов.* ба зорӣ сар кардан, ба илтиҷо даромадан, таваллову зорӣ кардан

взмо́рье *с* 1. (*побережье*) соҳили баҳр 2. (*море у берега*) лаби оби баҳр

взмости́ть *сов. что прост.* ба зӯр болои чизе гузоштан

взмости́ться *сов. прост.* ба зур болои чизе баромадан

взмути́ть *сов. что* хира (тира) кардан, гилолуд (лой) кардан

взмути́ться *сов.* хира (тира) шудан, гилолуд (лой) шудан

взму́чивать *несов. см.* **взмути́ть**

взму́чиваться *несов. страд.* хира (тира) карда шудан

взмыва́ть *несов. см.* **взмыть**

взмы́ленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* собун задашуда, кафк кунондашуда 2. *прил.* кафккарда, арақкарда; **~ые ко́ни** аспҳои ба арақғӯтида

взмы́ливать *несов. см.* **взмы́лить**

взмы́ливаться *несов.* 1. *см.* **взмы́литься**; 2. *страд.* собун зада (кафк кунонда) шудан

взмы́лить *сов.* 1. *что разг.* (*намылить*) собун задан, кафк кунондан 2. *кого* (*лошадь*) ба обу арақ ғутондан

взмы́литься *сов.* 1. *разг.* (*намылиться*) собун зада кафк кардан 2 (*о лошади*) ба обу арақ ғутидан

взмы||ть *сов.* тез боло паридан, тез парида баланд шудан; **самолёт ~л под облака́** самолёт тез боло парида ба абрҳо расид

взнести́ *сов. что* 1. *уст. и прост.* пардохтан, адо кардан, додан, супурдан 2. (*поднять вверх*) боло (баланд) бардоштан

взнести́сь *сов.* боло баромадан, боло (баланд) шудан

взнос *м* 1. пардохт, супурдан(и) 2. пули додашуда; **чле́нские ~ы** ҳаққи аъзогӣ

взноси́ть *несов. см.* **взнести́**

взноси́ться *несов.* 1. *см.* **взнести́сь**; 2. *страд.* пардохта шудан, дода (супурда) шудан

взнузда́ть *сов. кого-что* 1. лаҷом задан 2. *перен. прост.* ба худ тобеъ кардан, итоат кунондан

взну́здывать *несов. см.* **взнузда́ть**

взну́здываться *несов. страд.* лаҷом зада шудан

взо= *приставка префиксе, ки ба ҷои «вз=» пеш аз «й» ва баъзе пайвастшавиҳои ҳамсадоҳо меояд:* **взойти́** баромадан, тулуъ кардан; **взобра́ться** *ба* зӯр боло баромадан; *см. тж.* **вз=**

взобра́ться *сов.* боло баромадан (рафтан)

взойти́ *сов.* 1. боло баромадан (рафтан); ~ **на́ гору** ба кӯҳ баромадан 2. (*о небесных светилах*) баромадан, тулуъ кардан; **взошла луна́** моҳ баромад 3. *разг.* (*о тесте*) расидан 4. (*прорасти*) баромадан, неш задан; **семена́ огурцо́в взошли́** тухми бодиринг неш зад 5. *уст. и прост.* (*войти*) даромадан, ворид шудан, дохил шудан 6. *уст. и прост.* (*вместиться*) гунҷидан ◇ ~ **на престо́л** ҷулус кардан, ба тахт нишастан

взор *м* 1. назар, нигоҳ, чашм; **весёлый** ~ назари хушхолона; **пе́ред чьи́м-л.** **~ом** дар пеши назари касе; **оки́нуть ~ом** назар андохтан, чашм давондан, ба атроф нигоҳ кардан, **устреми́ть** ~ синча кардан, чашм духтан 2. *перен. чаще мн.* **взо́ры** диққат, таваҷҷуҳ; **обрати́ть на себя́ чьи́-л. ~ы** диққати касеро ба худ ҷалб кардан ◇ **впери́ть** ~ *в кого-что* чашм духтан; **поту́пить** ~ чашм ба замин духтан

взорва́||ть *сов.* 1. *что* таркондан 2. *чаще безл. кого перен. разг.* сахт оташин (дарғазаб, хашмгин) кардан, ба ғазаб овардан; **его́ ~ло тако́е безразли́чие** ин гуна бепарвоӣ вайро ба ғазаб овард

взорва́ться *сов.* 1. таркидан, таркида вайрон шудан, кафидан 2. *перен. разг.* сахт оташин (дарғазаб, хашмгин) шудан, ба ғазаб омадан

взрасти́ть *сов. кого-что высок.* руёндан, сабз кардан; парваридан, парвариш кардан, ба воя расондан; ~ **геро́ев** қаҳрамонҳоро ба воя расондан

взра́щивать *несов. см.* **взрасти́ть**

взра́щиваться *несов. страд.* руёнда шудан; парварида шудан

взреве́||ть *сов.* 1. наъра задан, ғурридан; **медве́дь ~л** хирс наъра зад 2. (*вскричать*) дод гуфтан, фарьёд задан 3. ғуррас задан; **~ли мото́ры** моторхо ғуррас заданд

взрез *м* 1. (*по знач. гл.* **взре́зать**) чок кардан(и), буридан(и), кафондан(и) 2. (*место*) ҷои буридашуда

взре́зать *сов. кого-что* чок кардан, буридан, кафондан, ~ **арбу́з** тарбузро чақмок задан (кардан)

взреза́ть *несов. см.* **взре́зать**

взреза́ться *несов. страд.* чок карда шудан, бурида шудан

взре́зывать *несов. см.* **взре́зать**

взре́зываться *несов. страд. см.* **взреза́ться**

взросле́ть *несов. разг.* калон (болиғ) шудан, ба балоғат (ба воя, ба камол) расидан

взро́слый, -ая, -ое болиғ, қадрас, калон; ~ **ю́ноша** ҷавони болиғ // *в знач. сущ.* **взро́слые** *мн.* калонсолҳо

взрыв *м* 1. таркиш, таркидан(и); ~ **парово́го котла́** таркиши деги буғ // таркониш, таркондан(и) 2. *перен.* хуруш, ғирев, ғулғула; ~ **аплодисме́нтов** ғулғулаи чапакзанӣ, ғиреви кафкубӣ; ~ **сме́ха** гиреви ханда 3. *филос.* таркиш, тағьироти қатъӣ; **революцио́нный** ~ таркиши революционӣ 4. *лингв.*

таркиш (*якбора берун баромадани ҷараёни ҳаво ҳангоми талаффузи овозҳо*)

взрывание I *с (по знач. гл.* **взорвать**) таркониш, таркондан(и)

взрывание II *с см.* **взрытие**

взрыватель *м* таркононда, олати тарконнш

взрывать I *несов. см.* **взорвать**

взрывать II *несов. см.* **взрыть**

взрываться *несов.* 1. *см.* **взорваться**, 2. *страд.* тарконда шудан

взрывник *м разг.* таркононда, таркишгар (*мутахассиси тарконнш*)

взрывн||ой, -ая, -ое 1. таркононда, ...и таркиш; **~ые работы** таркишгарӣ; **~ая камера** камераи таркиш; **~ая волна** мавҷи таркиш 2. *лингв.* тарканда; **~ые согласные** ҳамсадоҳои тарканда (*мас. б, п, т*)

взрывоопасн||ый, -ая, -ое тарканда; **~ые вещества** моддаҳои тарканда

взрывчатка *ж разг.* моддаи тарканда

взрывчатость *ж* тарканда будан(и), таркандагӣ

взрывчат||ый, -ая, -ое тарканда; **~ые вещества** моддаҳои тарканда

взрытие *с (по знач. гл.* **взрыть**) ковиш, кандан(и), ковок кардан(и), каланд кардан(и)

взры||ть *сов. что* кофтан, кандан, ковок кардан, каланд кардан; **крот ~л землю** кӯрмуш заминро кофта хок туда кардааст

взрыхление *с (по знач. гл.* **взрыхлить**) ковок (нарм) кардан(и)

взрыхлить *сов. что* ковок (нарм) кардан, каланд кардан; **~ почву** хокро (заминро) нарм кардан

взрыхлять *несов. см.* **взрыхлить**

взрыхляться *несов. страд.* ковок (нарм) карда шудан

взъ= *приставка префиксе, ки ба ҷои «вз=» пеш аз овозҳои садонок, йотбарсари «е», «ю», «я» меояд:* **взъерошить** пахмоқ (тит) кардан; **взъяриться** оташин шудан; *см. тж.* **вз=**

взъедаться *несов. см.* **взъесться**

взъезжать *несов. см.* **взъехать**

взъерепенить *сов. кого прост. и обл.* оташин кардан, ба ғазаб овардан

взъерепениться *сов. прост. и обл.* оташин шудан, аз ғазаб ҷушидан

взъерошенный, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* пахмоқшуда, титшуда 2. *прил.* пахмоқ, тит; пахмоқмӯй, жулидамӯй

взъерошивать *несов. см.* **взъерошить**

взъерошиваться *несов.* 1. *см.* **взъерошиться**; 2. *страд.* пахмоқ (тит) карда шудан

взъерошить *сов. что разг.* пахмоқ (тит) кардан (*мӯй ё пашмро*)

взъерошиться *сов. разг.* пахмоқ (тит) шудан; жулидамӯй шудан

взъершить *сов. прост. см.* **взъерошить**

взъершиться *сов.* 1. *разг.* тит шудан; сих шудан 2. *перен. прост.* қаҳр кардан, оташин шудан

взъесться *сов. прост.* хашм кардан, бо ғазаб ҳамла кардан, дарафтодан

взъехать *сов.* боло баромадан (*савора*)

взъяриться *сов. разг.* оташин (хашмгин) шудан, ба ғазаб омадан

взывать *несов. к кому-чему, о чём и без доп.* муроҷиат кардан; **~ к народу** ба халқ муроҷиат кардан; **~ о помощи** имдод талабидан, дод гуфта мадад хостан; **~ о пощаде** тараҳҳум хостан (талабидан)

взыгра||ть *сов.* 1. ба бозӣ даромадан, бозӣ сар кардан, саргарм (машғули) бозӣ шудан 2. талотум кардан, шиддат ёфтан, авҷ гирифтан; **море ~ло** баҳр талотум кард ◇ **~ла душа, ~ло сердце** дил аз шодӣ ба рақс омад, дил аз фараҳ лабрез шуд

взыскание *с* 1. *(по знач. гл.* **взыскать** 1) рӯёнидан(и), ситониш 2. ҷарима, ҷазо, танбеҳ; **наложить ~** ҷазо додан, танбеҳ кардан

взыскательность *ж* сахтгирӣ, серталабӣ

взыскательный, -ая, -ое (взыскате|лен, -льна, -льно) сахтгир, серталаб

взыскать *сов.* 1. *что* талаб карда гирифтан, руёндан, ситондан; **~ штраф** ҷарима ситондан 2. *с кого-чего и без доп.* ҷазо додан, ба ҷавобгарӣ кашидан ◇ **не взыщи(те)** хафа нашав(ед), наранҷ(ед)

взыскивание *с см.* **взыскание** 1

взыскивать *несов. см.* **взыскать**

взыскиваться *несов. страд* рӯёнда (ситонда) шудан; ҷазо дода шудан

взятие *с (по знач. гл.* **взять** 9) гирифтан(и), ба даст даровардан(и), ишғол (забт) кардан(и); **~ власти** ба даст гирифтани ҳокимият

взятк||а *ж* 1. пора, ришва(т) 2. *карт.* қартаи задашуда ◇ **с него ~и гладки** аз ӯ чизе намерӯяд, аз вай парахае намепарад

взяток *м пчел.* гарди гул (*тӯъмаи занбӯри асал*); маҳсули занбӯри асал (*дар як муддати муайян*)

взяточник *м* порахӯр, ришватхӯр, ришвагир

взяточнический, -ая, -ое ...и порахӯрӣ, ...и порахӯр, ...и ришват

взяточничество *с* порахурӣ, ришватхурӣ

взять *сов.* 1. *кого-что* гирифтан, бардоштан; **~ в руки (на руки)** ба даст гирифтан 2. *что перен. (выбрать)* интихоб кардан, хоста гирифтан, ҷудо (сара) карда гирифтан; **~ тему для статьи** барои мақола мавзӯъ интихоб кардан 3. *кого-что (унести, увести с собой)* гирифта бурдан, бурдан; **~ с собой нужные вещи** бо худ чизҳои даркориро гирифта бурдан 4. *кого-что (принять)* ба ӯҳда (ба зимма) гирифтан; **~ на себя обязательства** ба зиммаи худ ӯҳдадориҳо гирифтан 5. *кого-что (получить, нанять)* гирифтан; **~ в долг** қарз гирифтан 6. *что (купить, достать)* харидан, гирифтан, пайдо кардан; **~ билеты в кино** ба кино билет гирифтан (харидан) 7. *что (взыскать)* ситондан, руёнидан, гирифтан; **~ штраф** ҷарима гирифтан 8. *что (добыть)* ҳосил кардан, кандан // *(извлечь, заимствовать)* гирифтан, иқтибос кардан; **~ пример из художественного произведения** мисолро аз асари бадеӣ гирифтан // *(придумать)* бофта баровардан; **откуда они это взяли?** онҳо инро аз куҷо бофта баровар-данд? 9. *кого-что (захватить)* гирифтан, ба даст даровардан, ишғол (забт) кардан; **~ город** шаҳрро забт кардан // *перен. (охватить)* фаро гирифтан; **его взяли сомнения** у ба шубҳа афтод 10. *кого охот.* сайд кардан, доштан, дунболагирӣ (таъқиб) кардан; **собаки взяли зайца** сагҳо харгӯшро доштанд 11. *что (преодолеть)* ҷаҳида гузаштан, гузаштан; **~ высоту** аз баландӣ гузаштан 12. *чем (достичь успеха, цели)* муваффақ (комьёб) шудан, ноил гардидан 13. *что (отнять)* гирифтан, хурдан; **эта работа взяла у него много времени** ин кор вақти зиёди уро гирифт 14. *что чаще с отриц. разг.* гирифтан, гузаштан 15. *разг. (принять направление)* ба суе рафтан, равона шудан; **мы взяли вправо** мо ба тарафи дасти рост рафтем 16. *кого (арестовать)* ҳабс кардан 17. *в сочет. с союзами «да», «и», «да и» и гл.:* **разве ~ да и поехать?** магарам ки кас хезаду равад? ◇ **не дорого возьмёт** ин кор барои ӯ ҳеҷ гап не; **с чего (откуда) ты взял?** аз куҷо донистӣ (фаҳмидӣ)?; **чёрт возьми!** сабил монад!; **ни дать, ни ~** худи худаш, як себу ду тақсим (кафон); *см. тж.* **брать**

взяться *сов. см.* **браться** ◇ **~ за ум** боақл шудан; **откуда ни возьмись** аз ким-куҷо, нохост, баногоҳ, аз кадом гӯр; **взялся за гуж — не говори, что не дюж** *посл.* ≈ «хӯш» ки гуфтӣ, «бӯ» нагӯй

виадук *м* виадук (*пули болои ҷарӣ ё пуле, ки аз тагаш роҳи дигар мегузарад*)

вибратор *м* вибратор (1. *ҷисме, ки қобили ларзиш аст, мас. тор, камертон* 2. *асбобе, ки ларзиш ба вуҷуд меоварад*)

вибрационный, -ая, -ое вибрационӣ, ...и вибрация, ... и ларзиш

вибрация *ж* вибрация, ларзиш

вибрион *м* вибрион (*бактерияи вергулшакл*); **~ холеры** вибриони вабо, бактерияи вабо

вибрирование *с (по знач. гл.* **вибрировать**) вибрация кардан(и), ларзиш, ларзидан(и)

вибрировать *несов.* вибрация кардан, ларзидан

виброметр *м* виброметр, ларзишсанҷ

виварий *м* виварий (*ҷои махсуси нигоҳ доштан ва парвариши ҳайвонҳои таҷрибавӣ*)

вивисектор *м* вивисектор, мутахассиси вивисекция

вивисекция *ж* 1. вивисекция (*чок кардани организми зинда бо мақсади омӯхтани вай*) 2. *перен. (насилие)* ҷабр, зурӣ

вигвам *м* вигвам (*каппаи ҳиндиёни Америкаи Шимолӣ*)

виги *тк. мн.* вигҳо (*партияи сиёсӣ дар Англияи асарҳои 17—19 ва Америкаи асри 19*)

вигоневый, -ая, -ое вигонӣ, ...и вигонь; **~ые носки** ҷуроби вигонӣ

вигонь *ж* вигонь (1. *зоол. ҳайвони ширхӯри Америкои Ҷанубӣ, ки пашми маҳину мулоим дорад* 2. *пашми ин ҳайвон ва матои аз он бофташуда* 3. *ресмоне, ки аз пахтаю пашми дағал ресида мешавад ва матои он)*

вид I *м* 1. намуд, афту андом, қиёфа; **здоровый ~** афту андоми солим; **придать ~ кому́-чему́-л.** касеро, чизеро ба намуде даровардан 2. манзара; **из окна́ был ~ на о́зеро** аз тиреза манзараи кул намоён буд; **како́й краси́вый ~!** чӣ манзараи зебо! 3. *мн.* **ви́ды** фарз, тахмин; ният, мақсад, ғараз; **~ы на урожа́й** андозаи ҳосил (аз рӯи тахмин) ◇ **~ на жи́тельство** *уст.* паспорт, ҳуҷҷати зист; **в ~ах** *чего уст.* бо мақсади ...; **в ~ах эконо́мии** бо мақсади сарфакорӣ; **в ~е** 1) *(в форме чего-л.)* монанди..., ...барин; **наро́ст в ~е о́пухоли** ғуррии монанди омос 2) *(в качестве чего-л.)* ба тариқи..., ба сифати...; **в ~е упрёка** ба тариқи таъна; **в како́м-л. ~е** дар ҳолате; **в нетре́звом ~е** дар ҳолати мастӣ, дар сархушӣ; **для ~а** рӯякӣ, барои намуд; **на ~, по ~у, с ~у** аз рӯи намуд, зоҳиран, аз афт(аш); **на ~ ему́ бы́ло лет два́дцать** вай зоҳиран бистсола буд, **ни под каки́м ~ом** дар ҳеч сурат, ҳаргиз, асло, ба ҳеч ваҷҳ; **под ~ом** 1) *чего* бо баҳонаи ...; **под ~ом ры́бной ло́вли** бо баҳонаи моҳигирӣ 2) *кого-чего* ба қиёфан...; **при ~е...** дида, ҳангоми дидан; **быть на ~у́** намоён будан, дар мадди назар будан; **вида́ть ~ы** 1) гармию сардиро дидан (чашидан), ҷаҳондида (таҷрибакор, пурдида) будан 2) *(об одежде)* обшуста (нимдошт) будан; **де́лать ~** вонамуд кардан; **име́ть ~ы на кого́-что́-л.** касеро, чизеро таги чашм кардан; **име́ть в ~у́** 1) *(подразумевать)* дар назар доштан 2) *(принимать во внимание)* дар хотир (дар назар) доштан, ба эътибор гирифтан; **я бу́ду име́ть вас в ~у́** ман шуморо дар назар хоҳам дошт 3) *(иметь намерение)* ният доштан, хостан; **име́йте в ~у́** ба назар гиред, дар хотир дошта бошед; **не пода́ть (не показа́ть) ~у (~а)** вонамуд кардан, сир надодан; **приня́ть ~** *кого* худро ... нишон додан; **он при́нял беспе́чный ~ (~ беспе́чного челове́ка)** у худро бепарво нишон дод; **потеря́ть из виду (из ~а)** аз назар гум кардан; **скры́ться из виду (из ~а)** аз чашм ғайб задан, аз назар ғоиб шудан; **ста́вить на ~** *кому* огоҳ кардан, огоҳонидан; **упусти́ть (выпусти́ть) из виду (из ~а)** фаромуш кардан, ба назар нагирифтан

вид II *м* 1. навъ, хел; **~ы спо́рта** навъҳои варзиш 2. *биол.* ҷинс, зот 3. *грам.* намуд; **соверше́нный ~ глаго́ла** намуди мутлақи феъл; **несоверше́нный ~ глаго́ла** намуди ғайримутлақи феъл; **многокра́тный ~ глаго́ла** намуди бисьёркаратаи феъл; **однокра́тный ~ глаго́ла** намуди яккаратаи феъл

вида́лый, -ая, -ое *прост. и обл.* пурдида, ҷаҳондида, рӯзгордида

ви́данный, -ая, -ое 1. *прич.* дидашуда 2. *прил. разг.*: **~ое ли э́то де́ло?** инро чашм надидааст ва гуш нашунидааст!

вида́ть I *несов.* 1. *кого-что (видеть неоднократно)* дидан, бисьёр (борҳо) дидан ‖ *кого (встречать)* дидан, вохӯрдан; **я не ~л его́ со вчера́шнего дня** уро дина боз надидаам 2. *что (испытывать)* дидан, аз сар гузаронидан; **ско́лько ви́дано!** чӣ рузҳо аз сар гузаштанд! 3. *прош.* **вида́л?, вида́ли?** *прост.* дидӣ?, дидед?, фаҳмидӣ?, фаҳмидед?; **~л, како́й нае́здник!** дидӣ, чӣ хел човандоз аст! ◇ **~ть ви́ды** 1) гармию сардиро дидан, ҷаҳондида (таҷрибакор, пурдида) будан 2) *(об одежде)* обшуста (нимдошт) будан; **глаза́ б мои́ не ~ли** кош чашмонам кӯр мебуд, намедидаму намесӯхтам; **где э́то ви́дано!** дар куҷо дида шудааст!, магар ҳамин ҳам кор шуд!

вида́ть II *прост.* 1. *в знач. сказ. безл.* менамояд, дида мешавад, дидан мумкин аст; **отсю́да ничего́ не ~** аз ин ҷо чизе дида намешавад 2. *в знач. вводн. сл.* аз афташ, шояд, зоҳиран; **он то́же, ~, промёрз** аз афташ вай ҳам хунук хӯрдааст ◇ **[ни] зги не ~** тип-торик, ҳеҷ чиз дида намешавад; **конца-кра́ю не ~** охираш (поёнаш) нест, бепоён аст; **от земли́ не ~** қадаш як ваҷаб, пакана, пастак

вида́ться *несов. с кем-чем разг.* якдигарро (ҳамдигарро) дидан, мулоқот кардан, ру ба рӯ шудан, ба якдигар вохурдан; **ча́сто ~ с друзья́ми** бо дӯстон зуд-зуд вохӯрдан

ви́дение *с* биниш, дид

виде́ние *с* хаёл, рӯъё, шабаҳ

видео: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дидан»:* **видеоза́пись** видеосабт, **видеотелефо́н** видеотелефон

ви́деть *несов.* 1. *кого-что* дидан, **ты ~ишь го́ры на горизо́нте?** ту дар уфуқ кӯҳҳоро мебинӣ? 2. *кого (встречать)* вохурдан, дидан; **бо́льше го́да он не ~ел свои́х родны́х** аз як сол зиёд аст, ки вай хешу табори худро надидааст 3. *кого-что (представлять)* тасаввур кардан; **он ~ел себя́ худо́жником** вай худро рассом тасаввур мекард 4. *что (испытывать)* дидан, аз сар гузаронидан; **он мно́гое ~ел в свое́й жи́зни** вай дар умраш бисьёр ҳодисаҳоро аз сар гузарондааст 5. *(быть зрячим)* дидан, бино будан; **хорошо́ ~еть** хуб дидан; **он пло́хо ~ит** у хуб намебинад, чашмонаш хира шудааст 6. *что и с союзом «что» (сознавать)* дидан, донистан, фаҳмидан; **он ~ит, с кем име́ет де́ло** бо кӣ сару кор доштанашро медонад 7. *что в чём (считать)* шумурдан, дидан; **он ~ел в медици́не своё призва́ние** вай тибро касби худ мешумурд ◇ **как ~ишь (~ите)** *вводн. сл.* чунон ки мебинӣ (мебинед); **~ишь ли** *вводн. сл.* оё медонӣ; **~еть наскво́зь кого́-л.** зоҳиру ботини касеро дидан; **~еть не могу́ (не мо́жет)** тоби (тоқати) дидан надорам (надорад), бад мебинам (мебинад); **~еть свои́ми глаза́ми** бо чашми худ дидан; **не ~еть да́льше своего́ [со́бственного] но́са** аз дунъё бехабар будан, кутоҳандеш будан; **не ~еть све́та [бе́лого, во́льного]** 1) рӯз (рӯзу рушнон) надидан, роҳат (ҳузуру ҳаловат) надидан 2) сахт азоб кашидан *(аз дарде)*; **глаза́ бы мои́ не ~ели** кош чашмонам кур мебуд, намедидаму намесӯхтам; **в глаза́ не ~еть** *кого* ҳеҷ надидан, асло надидан; **кра́ем глаза́ ~еть** *что* саҳл (бо гушаи чашм) дидан; **спит и ~ит** фикру зикраш дар ҳамин аст; **то́лько и ~ели** *кого* зуд ғайб зад; **за дере́вьями не ~еть ле́са** *погов.* ≈ ба майда-чуйда андармон шуда чизи асосиро пайхас накардан; **рыбак рыбака́ ~ит издалека́** *посл.* ≈ кур курро дар ҳаммом ёфтааст, **~ит о́ко, да зуб неймёт** *погов.* ≈ дидан ҳасту хурдан нест; дил мекашаду по намеравад

ви́деться *несов.* 1. *кому-чему и без доп.* дида шудан, намоён будан; **вдали́ чуть ~ятся го́ры** аз дур тарҳи кӯҳҳо ба назар мерасад 2. *кому-чему (представляться)* тасаввур шудан, ба хотир омадан, аз хаёл гузаштан, ба назар расидан 3. *с кем и без доп.* вохӯрдан, якдигарро (ҳамдигарро) дидан, мулоқот кардан; **мы ча́сто ~имся** мо зуд-зуд ҳамдигарро мебинием (ба ҳамдигар вомехӯрем)

ви́димо *вводн. сл.* зоҳиран, гуё, эҳтимол, аз афташ, шояд; **он, ~, заде́ржится** зоҳиран, вай таъхир мекунад (дер мемонад)

ви́димо-неви́димо *нареч. разг.* аз ҳад зиёд, як олам, мӯру малах барин, лак андар лак; **птиц налете́ло ~** як олам парранда парида омадааст

ви́димость *ж* 1. намоёнӣ, аёнӣ, дидашавандагӣ; бинои, биниш; софии (беғубории) ҳаво; **с утра была́ хоро́шая ~ь** ҳаво аз пагоҳӣ соф буд 2. чизи зоҳирӣ (руякӣ); **его́ хладнокро́вие — одна́ ~ь** хунсардии вай зоҳирӣ аст ◇ **для ~и** *прост.* барои вонамуд кардан; барои намуд; **по [всей] ~и** *вводн. сл.* аз афташ, эҳтимол, зоҳиран; **по всей ~и, его́ задержа́ли ва́жные дела́** аз афташ, вай бо корҳои муҳим андармон шуда [монда] аст

ви́димый, -ая, -ое 1. *прич.* дидашаванда 2. *прил.* (ви́дим, -а, -о) намоён, зоҳир, намудор, падидор; **верши́на ста́ла ~а** қулла намудор шуд 3. *прил. тк. полн. ф. (явный)* ҳувайдо, ошкор аён; **без ~ой причи́ны** бе сабаби аён; 4. *прил. тк. полн. ф. разг.* рӯякӣ, сатҳӣ, зоҳирӣ, зуракӣ; **~ая весёлость** шодии зуракӣ ◇ **~ое де́ло** *прост.* тамоман равшан (аён) аст

видне́ться *несов.* намудан, намоён (намудор) будан; **спра́ва ~лось о́зеро** аз тарафи рост кӯле намоён буд

ви́дно 1. *в знач. сказ. безл.* маълум мешавад, менамояд, дида мешавад, дидан мумкин аст, фаҳмидан мумкин аст; **его́ нигде́ не́ было ~** вай дар ҳеҷ ҷо дида намешуд ‖ *с союзом «что»* маълум мешавад ки..., дида мешавад ки ...; **по её лицу́ бы́ло ~, что она утомлена**

аз чеҳрааш маълум буд, ки вай хаста шудааст 2. *в знач. вводн. сл. разг.* аз афташ, шояд, гуё, зоҳиран; **~, он уехал** вай рафтагист, аз афташ, вай рафтааст ◇ [**ни**] **зги не** ~ тип-торик, ҳеҷ чиз дида намешавад

ви́дн||ый, -ая, -ое (ви́д|ен, -на́, -ио, ви́дны) 1. намоён, намудор; **на ~ом ме́сте** дар ҷои намоён 2. *тк. полн. ф. перен.* (*важный*) муҳим, намоён; **занима́ть ~ые посты́** дар вазифаҳои муҳим будан (кор кардан) // (*выдающийся*) машҳур, маъруф, барҷаста; **~ый учёный** олими машҳур 3. *тк. полн. ф. разг.* (*статный*) хушандом, хушқаду баст, мавзунқомат, босалобат; **~ая де́вушка** духтари мавзунқомат; **~ый мужчи́на** марди хушқаду баст ◇ **быть ~ым как на ладо́ни** равшан (аён) будан, чун дар кафи даст намоён будан

видово́й I, -ая, -о́е манзаравӣ, ...и манзара; ~ **фильм** фильми манзаравӣ

видов||о́й II, -ая, -о́е 1. ...и навъ 2. *биол.* ҷинсӣ, зотӣ, ...и ҷинс, ...и зот; **~ы́е разли́чия рыб** фарқҳои зотии моҳиён 3. *грам.* ...и намуд; **~ы́е при́знаки глаго́ла** аломатҳои намуди феъл

видоизмене́ние *с* (*по знач. гл.* **видоизмени́ть**) тағйирдиҳӣ, дигар (дигаргун) кардан(и); (*по знач. гл.* **видоизмени́ться**) тағйир ёфтан(и), тағйири шакл, дигар (дигаргун) шудан(и); ~ **расте́ний** тағйир ёфтани навъи растаниҳо 2. (*разновидность*) хел, навъ, зот

видоизмени́ть *сов. кого-что* тағйир додан, дигар (дигаргун) кардан

видоизмени́ться *сов.* тағйир ёфтан, тағйири шакл кардан, ба шакли дигар даромадан, дигар (дигаргун) шудан

видоизменя́емость *ж* тағйир ёфтани шакл, тағйирот, дигаргуншавӣ, қобилияти тағйирот

видоизменя́ть *несов. см.* **видоизмени́ть**

видоизменя́ться *несов.* 1. *см.* **видоизмени́ться**; 2. *страд.* тағйир дода шудан

видоиска́тель *м* манзараҷӯ (1. *фото — олати махсуси аппарати фотографӣ, ки бо вай манзараи даркориро меёбанд* 2. *жив. чорчубае, ки рассомон онро барои маҳдуд намудани майдони назар ба кор мебаранд*)

видообразова́ние *с биол.* ҷинспайдошавӣ, пайдошавии ҷинс, процесси ба вуҷуд омадани зот

ви́дывать *несов. разг. многокр. к* **ви́деть** 1—4

ви́за *ж* виза (1. *қайди рухсати шахси вазифадор* 2. *рухсатнома, иҷозатнома, рухсат, иҷозати ҳукумат, ки дар паспорт барои ворид шудан ба мамлакате ё хориҷ шудан аз он қайд мешавад*); **въездна́я** ~ визаи воридшавӣ

визави́ 1. *нареч.* рӯ ба рӯ; **сиде́ть** ~ рӯ ба рӯ нишастан 2. *м, ж нескл.* каси ру ба рӯнстода (нишаста); **мой ~ чита́л газе́ту** шахси дар муқобилам нишастагӣ газета мехонд

визг *м* вангас, виззос, чиррос; **подня́ть** ~ вангас задан

визгли́вость *ж* виззосӣ (чирросӣ) будан(и)

визгли́вый, -ая, -ое (визгли́в, -а, -о) 1. (*о звуке*) виззосӣ, чирросӣ 2. вангасзананда, чирросӣ; ~ **ребёнок** бачаи чирросӣ

визгу́н *м разг.* вангасзананда, виззосзананда, чирросӣ

визгу́нья *женск. к* **визгу́н**

визжа́ние *с* (*по знач. гл.* **визжа́ть**) вангас (виззос, чиррос) задан(и), шингас кардан(и); (*звуки*) вангас, виззос, чиррос

визж||а́ть *несов.* вангас (виззос, чиррос) задан, чинг-чинг кардан; **собака ~и́т** саг чинг-чинг мекунад // ғижжос задан; **пила́ ~и́т** арра ғижжос мезанад

визи́га *ж* визига (*рагу паи хурданибоби пушти сурхмоҳӣ*)

визи́р *м* 1. *см* **видоиска́тель**; 2. *воен.* визир, манзура (*қисми нишонгираки яроқ*) 3. *геод.*, *астр.*, *ав.* визир (*олатест барои ёфтани нуқтаи даркорӣ*)

визи́рный, -ая, -ое визирӣ, ...и визир

визи́рование I *с* (*по знач. гл.* **визи́ровать** I) визамонӣ, аз қайд гузарондан(и); ~ **па́спорта** аз қайд гузарондани паспорт

визи́рование II *с* (*по знач. гл.* **визи́ровать** II) визиронӣ

визи́ровать I *сов.*, *несов. что* виза мондан (гузоштан), қайд кардан, аз қайд гузарондан

визи́ровать II *сов.*, *несов. что геод.* визиронӣ кардан (*нуқтаи даркориро ба воситаи визир ёфтан*)

визи́роваться I *несов. страд.* виза монда шудан, аз қайд гузаронда шудан

визи́роваться II *несов. страд.* визиронӣ карда шудан

визиро́вка *ж см.* **визи́рование** II

визи́рь *м* вазир; **вели́кий** ~ вазири аъзам

визи́т *м* 1. визит, боздид, зиёрат, мулоқот; **нанести́** ~ *кому* ташриф овардан 2. аёдат

визита́ция *ж* 1. *мор.* визитация (*тафтиши киштии шубҳанок дар баҳри кушод аз тарафи киштии ҳарбии давлати дигар*) 2. *уст.* аёдат

визитёр *м уст.* боздидкунанда, меҳмон

визи́тка *ж уст.* визитка (*камзули мардонаи ташрифот*)

визи́тн||ый, -ая, -ое ...и визит ...и боздид; ...и ташрифот ◇ **~ая ка́рточка** варақаи боздид (*варақае, ки дар он номи боздидкунанда ва баъзан адрес ва унвони ӯ чоп мешавад*)

визуа́льный, -ая, -ое *астр.* визуалӣ, ...и чашм, ...и назар, ...и муоинашаванда

ви́ка *ж бот.* кирсина, алафи мошак

вика́рий *м* викарий (*ноиб-епископ ё муовини архиерей дар калисои православӣ; муовини епископ ё кашиши маҳалла дар калисои католикӣ*)

ви́кинг *м* викинг (*сарбози Скандинавияи қадим; роҳзани баҳрӣ*)

ви́ковый, -ая, -ое ...и кирсина, ...и алафи мошак

вико́нт *м* виконт (*унвони дворянӣ дар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ*)

виконте́сса *ж* зани (духтари) виконт

виктори́на *ж* викторина (*як хел бозии саволу ҷавоб*)

ви́лк||а *ж* 1. чангча, чангол (*барои хӯроккӯрӣ*) 2. *тех.* вилка; **ште́псельная ~а** вилкаи штепсель; **велосипе́дная ~а** вилкаи велосипед 3. *воен.* вилка (*тарзи нишонгирӣ барои аниқ расондани тир ба ҳадаф*); **захвати́ть цель в ~у** ҳадафро ба вилка гирифтан 4. *шахм.* вилка (*ҳолати бозӣ, ки дар он мӯҳраи шатранҷ дар айни замон ба ду ё якчанд муҳраи ҳариф таҳдид мекунад*)

ви́лла *ж* вилла, кӯшк, чорбоғ

вило́к *м разг.* як сар карам, **як калла** карам

вилообра́зный, -ая, -ое (вилообра́з|ен, -на, -но) панҷшохамонанд, панҷшохашакл

ви́лочный, -ая, -ое ...и чангча, ...и чангол

вилт *м с.-х.* вилт (*як навъ касалии бактерияноки растаниҳо, махсусан ниҳоли пахта*)

вилтоусто́йчивость *ж с.-х.* вилтнопазирӣ, вилтногирӣ

вилтоусто́йчивый, -ая, -ое *с.-х.* вилтнопазир, вилтногир

ви́л||ы *тк. мн.* панҷшоха, чоршоха, сешоха ◇ **~ами на (по) воде́ пи́сано** нақши руи об аст

вильну́ть *сов.* 1. *однокр. к* **виля́ть** 1; ~ **хвосто́м** дум ҷунбондан 2. каҷу килеб рафтан, чапғалат додан

виля́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **виля́ть** 1, 2) ликкониш, думҷунбонӣ 2. *перен. разг.* ҳилагарӣ, найрангбозӣ

виля́||ть *несов.* 1. *чем* ликкондан, дум ҷунбондан; **соба́ка ~ет хвосто́м** саг думашро меликконад 2. алвонҷ хурдан, тоб хурдан; **колесо́ ~ет** чарх тоб мехурад 3. печидан, хаму рост шудан; **тропи́нка ~ет ме́жду холма́ми** пайраҳа дар байни теппаҳо печутоб хӯрда меравад 4. *перен. разг.* ҳилагарӣ (ҳила, найранг) кардан ◇ **~ть хвосто́м** *прост.* 1) хушомадгуӣ (лаганбардорӣ, чоплусӣ) кардан 2) ҳилагарӣ (маккорӣ) кардан

вин||а́ *ж* 1. айб; гуноҳ; **призна́ть свою́ ~у́** ба гуноҳи худ иқрор кардан; **загла́дить свою́ ~у́** гуноҳи худро шустан; **поста́вить кому́-л. в ~у́** касеро айбдор кардан; **по чьей-л. ~е́** бо айби (бо гуноҳи) касе 2. сабаб, иллат, боис; **всему́ ~о́ю была́ его́ уста́лость** сабаби ҳамаи ин хастагии ӯ буд ◇ **по ~е́** *кого-чего* ба сабаби ..., ба иллати ...; **без ~ы́ винова́тый** гунаҳгори бегуноҳ

винегре́т *м* 1. винегрет (*таоми сабзавот*) 2. *перен. разг.* ҳарҷу марҷ

вини́тельный: ~ **паде́ж** *грам.* падежи винительный (*яке аз шаклҳои тасрифи калима, ки дар тоҷикӣ одатан ба воситаи пасоянди «-ро» ифода мешавад*)

вини́ть *несов. кого-что* гунаҳгор (айбдор, муттаҳам) кардан

вини́ться *несов. уст.* и *прост.* гуноҳро ба гардан гирифтан, муттаҳам шудан, иқрор кардан

ви́нкель *м* винкель (*даҷаҷӯби дуредгарӣ*)

ви́нн||ый, -ая, -ое ...и шароб, ...и май ◊ **~ый ка́мень** 1) дурдаи май 2) санги дандон; **~ый спирт** спирти шароб; **~ая ягода** анҷир

вино́ *с* 1. шароб, май, мусаллас, бода; **виногра́дное** ~ шароби ангур; **десе́ртное** ~ шароби ширин; **сухо́е** ~ шароби софи ангурӣ, шароби ноб; **молодо́е** ~ маи нав; **вы́держанное** ~ маи солгашт 2. *разг.* (*водка*) арақ

винова́тость *ж* 1. *см.* **вино́вность**; 2. (*ощущение вины*) гунаҳгор донистани худ, ҳис кардани айби худ

винова́т||ый, -ая, -ое (винова́т, -а, -о) 1. *чаще кр.* *ф* гунаҳгор; айбдор; **мы в э́том не ~ы** мо дар ин кор айбдор не; **он круго́м винова́т** *разг.* ҳамаи гуноҳ ба сари уст, *вай аз ҳар ҷиҳат гунаҳгор аст* 2. сабабгор, айбдор; **во всём ~а весна́** ба ҳамааш баҳор айбдор аст 3. гунаҳгорона, айбдорона; **~ый взгляд** нигоҳи гунаҳгорона ◊ **винова́т, ~а** узр меҳоҳам, маъзур доред; **без вины́ ~ый** гунаҳгори бегуноҳ

вино́вник *м* 1. гунаҳгор, айбдор; **гла́вный** ~ гунаҳгори асосӣ 2. сабабгор; ~ **торжества́** сабабгори ҷашн

вино́вница *женск. к* **вино́вник**

вино́вность *ж* гунаҳгорӣ, айбдорӣ, гунаҳгор (айбдор) будан(и)

вино́вн||ый, *-ая, -ое* (*вино́в|ен, -на, -но*) *прил. и в знач. сущ.* гунаҳгор, айбдор; **~ые ли́ца** шахсони айбдор; **~ый созна́лся** айбдор ба гуноҳаш иқрор кард; **признава́ть себя́ ~ым в соверше́нии преступле́ния** худро дар содир кардани ҷиноят айбдор донистан

виногра́д *м* 1. (*растение*) ток; **ди́кий** ~ токи ёбоӣ 2. *собир.* (*ягоды*) ангур; **сбор ~а** ангуркаиӣ, ангурчинӣ

виногра́дарский, -ая, -ое ...и токдорӣ, ...и токпарварӣ, ...и токпарвар

виногра́дарство *с* 1. (*разведение винограда*) токдорӣ, токпарварӣ 2. (*раздел науки*) соҳаи токдорӣ (токпарварӣ)

виногра́дарь *м* токпарвар

виногра́дина *ж разг.* донаи ангур

виногра́дник *м* токзор, ток

виногра́дн||ый, -ая, -ое ...и ток; ...и ангур; **~ая лоза́** навдаи ток; **~ый уча́сток** токзор; **~ое вино́** маи ангур; **~ый са́хар** *хим.* қанди ангур, ширан ангур

виноде́л *м* шаробпаз, шаробсоз

виноде́лие *с* шаробпазӣ, шаробсозӣ

виноде́льный, -ая, -ое *см.* **виноде́льческий**

виноде́льческий, -ая, -ое ...и шаробпазӣ, ...и шаробсозӣ, ...и шароб; ~ **заво́д** заводи шароб созӣ

виноку́р *м* арақкаш, бодакаш

винокуре́ние *с* арақкашӣ, бодакашӣ

виноку́ренный, -ая, -ое ...и арақкашӣ; ~ **заво́д** заводи арақкашӣ

виноку́рня *ж уст.* корхонаи арақкашӣ

виноторго́вец *м* шаробфуруш, бодафуруш, арақфуруш, майфуруш

виноторго́вля *ж* шаробфурушӣ, бодафурушӣ, арақфурушӣ, майфурушӣ

виноче́рпий *м* соқӣ, бодакаш, косагул

винт I *м* 1. винт, мехи печдор; **голо́вка ~а́** сари винт 2. (*парохода, самолёта*) винт; парра; **гребно́й** ~ винти обӣ (*дар киштӣ*); **возду́шный** ~ винти ҳавоӣ (*дар самолёт*) 3. *в знач. нареч.* **винто́м** винтвор, морпеч, печида

винт II *м* винт (*як хел қартабозӣ*)

ви́нтик *м уменьш. к* **винт** I 1 винтча, мехчаи печдор ◊ **у него́ ~ов (~а) не хвата́ет [в голове́]** *прост.* майнааш андак беҷо, як камчин намерасад

винти́ть I *несов. что разг.* винт тофтан

винти́ть II *несов. карт. разг.* винт задан

винтова́льн||ый, -ая, -ое *см.* **винторе́зный**; **~ая доска́** винттахта (*асбоби махсуси винтсозӣ*)

винто́вка *ж* милтиқ, туфанг; **автомати́ческая** ~ милтиқи автоматӣ; **малокали́берная** ~ милтиқи хурдмил

винтов||о́й, -ая, -ое 1. ...и винт, ...и мехи печдор 2. (*винтообразный*) винтшакл, печдор, морпеч; **~а́я наре́зка** буриши печдор; **~а́я ле́стница** зинапояи печдор 3. (*приводимый в движение винтом*) винтдор; паррадор; **~о́й парохо́д** пароходи винтдор

винто́вочный, -ая, -ое ...и милтиқ, ...и туфанг; ~ **патро́н** тири милтиқ (туфанг)

винтомото́рный, -ая, -ое *ав.* ...и мотори паррадор

винтообра́зный, -ая, -ое (винтообра́з|ен, -на, -но) винтшакл, винтмонанд, печдор, морпеч

винторе́зный, -ая, -ое ...и винтсозӣ; ~ **инструме́нт** асбоби винтсозӣ

винче́стер *м* винчестер, милтиқи шикорӣ

винье́тка *ж* виньетка (*нақше, ки одатан аввал ё охири бобҳои китобро оро медиҳад*)

вио́ла *ж муз.* виола (1. *навъи ғиҷҷаки қадими ҳафттор* 2. *ғиҷҷаки калони чорторӣ*; *альт*)

виолончели́ст *м* виолончельнавоз

виолончели́стка *женск. к* **виолончели́ст**

виолонче́ль *ж муз.* виолончель (*ғиҷҷаки калони чорторӣ*)

виолонче́льный, -ая, -ое виолончелӣ, ...и виолончель

ви́ра I *ж ист.* дият, хунбаҳо

ви́ра II *межд. мор.* вира (*хитобе, ки маънаш «боло бардор!», «ба боло!» мебошад*)

вира́ж I *м* 1. вираж, чархзанӣ (*давр-занни киштӣ, самолёт, автомобиль ва м. ин*); **вертика́льный** ~ виражи амудӣ; **пло́ский** ~ виражи ҳамвор 2. *спорт.* хамгашти роҳ (*дар пойгаи велосипедтозӣ, мотоциклтозӣ ва м. ин*)

вира́ж II *м фото* вираж (*намаки махсусе, ки барои ранги муайян додан ба сурати фотографӣ кор мефармоянд*)

вира́жный 1, -ая, -ое виражӣ, ...и вираж, ...и чархзанӣ; ...и хамгашти роҳ

вира́жный II, -ая, -ое *фото* виражӣ, ...и вираж; ~ **раство́р** маҳлули виражӣ

вира́ж-фикса́ж *м фото* вираж-фиксаж (*намаки махсус, ки дар фотография кор фармуда мешавад*)

виртуо́з *м* моҳир, усто, мумтоз, нафискор

виртуо́зно *нареч.* моҳирона, мумтозона, устокорона

виртуо́зность *ж* маҳорат, мумтозӣ, устоӣ, нафискорӣ

виртуо́зн||ый, -ая, -ое (виртуо́з|ен, -на, но) моҳир (она), мумтозона, нафискор(она); **~ая игра́** навохтани устодона; **~ая лётная те́хника** техникаи парвози моҳирона

вируле́нтность *ж бакт.* вирулентият, заҳрдор будан(и)

вируле́нтный, -ая, -ое (вируле́нт|ен, -на, -но) *бакт.* вирулентӣ, заҳролуд, заҳрдор (*дар бораи микробҳо*); ~ **микро́б** микроби заҳрдор

ви́русный, -ая, -ое вирусӣ, ...и вирус

вирусо́лог *м* вирусшинос, мутахассиси вирусология

вирусоло́гия *ж* вирусология, вирусшиносӣ

вирусоноси́тель *м* вирусдор

ви́русы *мн.* (*ед.* **ви́рус** *м*) вирусҳо (*хурдтарин микробҳои касалиҳои сирояткунанда*)

ви́рши *тк. мн.* шеъри ҳиҷоӣ (*дар адабиёти русу украинӣ асрҳои* 17—18) ‖ *ирон.* шеъри суст (сақат)

вис *м спорт.* овезон шудан(и) (*бо даст ё пой овезон шудани варзишгар дар асбобҳои варзиш*); ~ **на рука́х** бо даст овезон шудан(и)

ви́селица *ж* дор, чубаи дор

ви́сельник *м* 1. *уст.* одами ба дор кашидашуда 2. *бран.* одами аз таги дор гурехта ◊ **ю́мор ~а** ҳазлу шухии зуракӣ

вис||е́ть *несов.* 1. овехта шудан, овезон будан; **ла́мпа ~и́т над столо́м** чароғ болои миз овезон аст 2. *разг.* (*о волосах*) парешон будан ‖ *на ком-чём разг.* (*об одежде*) фаҳул (ночаспон) будан; **пальто́ на нём ~и́т** пальтояш ҷувол барин аст 3. муаллақ истодан ‖ қиём кардан; **полу́денное со́лнце ~е́ло над голово́й** офтоб ба қиём омада буд 4. часпонда шудан, овезон будан; **на стене́ ~и́т объявле́ние** дар девор эълон часпонда шудааст 5. *над кем-чем* овезон будан; **скала́ ~и́т над доро́гой** харсанг болои роҳ овезон аст ‖ *перен.* таҳдид кардан, тарсондан; **над ни́ми ~и́т опа́сность** ба онҳо хатаре таҳдид мекунад ◊ **~е́ть в во́здухе** 1) муаллақ будан 2) бе натиҷа (бе ҷавоб) мондан, таъсир накардан 3) ҳал нашуда (норавшан) мондан; **~е́ть на волоске́** дар болои қил истодан; ба муй овезон будан; **~е́ть на телефо́не** *прост.* бо телефон бисьёр гап задан; **~е́ть на шее у кого́-л.** 1) ба гардани касе савор будан 2) ба касе сахт часпида гирифтан; **~е́ть на хвосте́** *у кого прост.* кашола шудан, дунболагирӣ кардан; аз паи самолёти дигар парвоз кардан; **~е́ть над душо́й** безор кардан, ба ҷон расондан

ви́ски *с нескл.* виски (*арақи англисӣ*)

вискоза *ж* вискоза (1. *хамираи чуб барои истеҳсоли нахи сунъӣ, чарми сунъӣ ва ғ.* 2. *шоҳии сунъӣ)*

вискозн||ый, -ая, -ое вискозӣ, ...и вискоза; **~ое производство** истеҳсоли вискоза; **~ые изделия** маҳсулоти вискозӣ

вислозад||ый, -ая, -ое пастсағрӣ, дунбаовезон *(дар бораи ҳайвон)*; **курдючные ~ые овцы** гусфандҳои дунбадор (дунбаовезон)

вислоухий, -ая, -ое (вислоух, -а, -о) 1. овезонгӯш, чапаргӯш, шалпаргуш; **~ щенок** сагчаи шалпаргӯш 2. *прост. бран.* лаванд, гул

висмут *м* бисмут (1. *элементи химиявӣ, металл* 2. *доруи аз ин металл тайёршуда)*

висмутов||ый, -ая, -ое бисмутӣ, ...и бисмут, бисмутдор; **~ые руды** маъданҳои бисмутдор

висн||уть *несов. разг.* 1. овезон будан, хам будан; **ветви ~ут над водой** шохҳои дарахт болои об овезонанд 2. *(нависать)* овезон будан 3. бисьёр дилбазан шудан, ба ҷон расондан

висок *м* чакка, чаккаи руй, шақиқа

високосный, -ая, -ое: **~ год** соли кабиса

височн||ый, -ая, -ое ...и чакка, ...и чаккаи рӯй, ...и шақиқа; **~ая кость** устухони чакка

вист *м* вист (1. *қартабозии чорнафарӣ* 2. *комбинацияи муайяни қартаҳо дар бозии преферанс, бостон)*

вистовать *несов. карт.* вист рафтан *(дар қартабозии преферанс, бостон муқобили ҳариф рафтан)*

висюлька *ж разг.* овеза, пупак

висяч||ий, -ая, -ее овезон, овехта, муаллақ; **~ая лампа** чароғи овезон; **~ий мост** қантара; **в ~ем положении** дар ҳолати овезон (муаллақ)

витализм *м* витализм *(ҷараёни идеалисти дар биология, ки мавҷудияти мабдаи махсуси ғайриматериалии ҳаётро дар организмҳо ҷоиз медонад)*

виталист *м* виталист, тарафдори витализм

виталистический, -ая, -ое виталистӣ, ...и витализм

витаминизация *ж* витаминдор кардан(и)

витаминизировать *сов., несов. кого-что* витаминдор кардан

витаминизироваться *несов. страд.* витаминдор [карда] шудан

витаминный, -ая, -ое витаминӣ, ...и витамин, витаминдор; **~ завод** заводи витамин; **~ препарат** доруи витаминӣ

витаминозный, -ая, -ое витаминдор, сервитамин, ...и витамин

витамины *мн.* (*ед.* **витамин** *м*) витаминҳо

вита||ть *несов.* муаллақ истодан, парида гаштан; ҳис карда шудан, мавҷуд будан; **дымка пыли ~ла над дорогой** дар болои роҳ пардаи тунуки чангу ғубор муаллақ меистод; **над полем ~л запах порохового дыма** дар фарози дашт буи борут хис мешуд ◇ **~ть в облаках (в воздухе, в эмпиреях), ~ть между небом и землёй** дар осмони ҳафтум паридан, хаёли хом дар сар парваридан

витиевато *нареч.* дабдабанок, сарбаста, печ дар печ; **говорить ~** дабдабанок сухан рондан

витиеватость *ж* дабдабанок будан(и), сарбаста (печ дар печ) будан(и)

витиеват||ый, -ая, -ое (витиеват, -а, -о) пурдабдаба, сарбаста, печ дар печ; **~ый почерк** хати печ дар печ; **говорить ~ыми фразами** бо дабдаба гап задан

витийство *с уст. книжн.* суханварӣ, суханпардозӣ

витийствовать *несов. уст. книжн.* суханпардозӣ кардан, суханпардозона нутқ кардан

витин *м уст. книжн.* нотиқ, суханвар, суханоро

вит||ой, -ая, -ое, 1. тофта; тобдор, печдор; **~ая булка** булкаи тофта 2. *(винтообразный)* печдор, морпеч; **~ая лестница** зинапояи морпеч

виток *м* 1. як печ, як давр, як гардиш; **~ обмотки электромагнита** як печи сими электромагнит 2. банд; **~ проволоки** банди сим 3. як давр, як бор даврзанӣ, як бор тоб хурдан(и); **спутник сделал несколько витков вокруг Земли** радифи маснуъ якчанд бор дар атрофи Замин давр зад

витраж *м* витраж *(расм ё нақши руи шишаҳои рангин, ки рушноӣ мегузаронад)*

витрина *ж* витрина (1. *намоиши ашьё аз пушти тирезаи дукон* 2. *ҷевон ё қуттии овезони оинадор барои намоиши ашьё*); **~ с объявлениями** тахтаи (лавҳаи) эълонҳо

вить *несов. что* 1. тофтаи, танидан, ресидан, риштан; **~ верёвку** арғамчин тофтан 2. бофтан, бастан, сохтан; **~ венки** гулчанбар бастаи; **~ гнездо** лона сохтан ◇ **~ верёвки из кого-л.** касеро бозичаи дасти худ кардан

витьё *с* (*по знач. гл.* **вить**) тофтан(и), ресиш; сохтан(и), бофтан(и)

виться *несов.* 1. печидан, печида боло баромадан; *(о волосах)* чингила шудан; **по жердям вился виноград** ток ба ходаҳо мепечид 2. морпеч шуда рафтан, печутоб хурда (морпеч шуда) гузаштан; **дорога вилась между полями** роҳ аз байни саҳроҳо печутоб хурда мегузашт // *(подниматься)* печидан, печида баромадан (баланд шудан); **над самоваром вился пар** буғ болои самовор мепечид 3. паридан, даврзанон паридан; **птицы вьются** парранҳо даврзанон мепаранд 4. лаппидан, ҳилпирас задан; **вьются флаги** байрақҳо ҳилпирас мезананд 5. *страд.* тофта (ресида) шудан ◇ **~ вьюном** 1) печон будан, чаққон будан 2) хушомад задан, дум-думи касе гаштан; **~ лентой** *(о реке, дороге)* морпеч шуда рафтан, печутоб хурда гузаштан

вьютень *м* харкафтар

витязь *м уст.* паҳлавон, таҳамтан, гурд

вихлять *несов. прост.* калавида роҳ рафтан // *чем* бетартибона каҷу килеб кардан (тоб додан); **~ рулём** рульро бетартибона тоб додан

вих||ор *м* як даста мӯи сихшуда, пат, пати пешона // *мн.* **вихры** *разг.* мӯй, муйсар; **оттаскать за ~ры** аз мӯйсар кашида лат додан

вихрастый, -ая, -ое (вихраст, -а, -о) *разг.* сихмуй, жӯлидамуй

вихрев||ой, -ая, -ое ...и гирдбод, гирдбодшакл; **~ое движение** *физ.* ҳаракати гирдбодшакл

вихрить *несов. что* давр (чарх) задан, гирдбод кардан

вихриться *несов.* давр (чарх) задан

вихрь *м* 1. гирдбод, тундбод 2. *перен.* гирдбод, туфон, ҳаракати тезу тунд; **~ событий** туфони ҳодисаҳо 3. *в знач. нареч.* **вихрем** гирдбодвор, туфонвор, бисьёр тез, бо суръат

вице- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ноиб»*: **вице-консул** ноиб-консул; **вице-президент** ноиб-президент

вице-адмирал *м* вице-адмирал *(унвони ҳарбии баҳрӣ байни унвонҳои контр-адмирал ва адмирал ва шахси дорои ин унвон)*

вице-президент *м* ноиб-президент

вицмундир *м уст.* вицмундир *(либоси расмии мансабдорони Россияи подшоҳӣ)*

вишенник *м* 1. *(вишнёвый сад)* боғи олуболу, олуболузор 2. *(кустарник дикой вишни)* олуболуи хасак

вишнёвка *ж разг.* шароби дастии олуболугӣ

вишнёв||ый, -ая, -ое 1. олуболугӣ, ...и олуболу, олуболудор; **~ая косточка** донаки олуболу; **~ое варенье** мураббои олуболу 2. олуболуранг; **платье ~ого цвета** куртаи олуболуранг

вишня *ж* 1. *(дерево, кустарник)* дарахти олуболу 2. *(плод)* олуболу

вишняк *м обл. и прост. см.* **вишенник**

вишь *частица прост.* 1. бубин, бин, ана, ҳу; **~ больной лежит** бин, касал хобидааст // *в знач. вводн. сл.* медонӣ, медонед; **слово, ~, дал** медонед, кавл додааст 2. *чаще в сочет. с «как», «какой», «сколько»* чӣ, чӣ хел, чӣ гуна, чӣ қадар; уху, аҷаб

вкалывать *несов. см.* **вколоть**

вкалываться *несов.* 1. *см.* **вколоться**; 2. *страд.* халонда шудан, фурӯ халонда шудан

вкапать *сов. что прост.* чаккондаи, ба дарун чаккондан

вкапнуть *сов. однокр. к* **вкапать**

вкапывать I *несов. см.* **вкопать**

вкапывать II *несов. см.* **вкапать**

вкапываться I *несов.* 1. *см.* **вкопаться**; 2. *страд.* гур карда шудан, шинонда шудаи

вкапываться II *несов. страд.* чакконда шудан, ба дарун чакконда шудан

вкарабкаться *сов. см.* **вскарабкаться**

вкатить *сов.* 1. *что* даровардан, ғелондан, ғелонда даровардан; ғелонда

боло бардоштан 2. *в сочет. с сущ. что кому прост.:* ~ **двойку** бахои ду мондан; ~ **пощёчину** торсакии обдор задан

вкатиться *сов.* 1. даромадан, ғелида ба дарун даромадан; ғелида боло баромадан 2. *перен. разг. (быстро войти, вбежать)* тозон даромадан, дартоз ворид шудан

вкатывать *несов. см.* **вкатить**

вкатываться *несов.* 1. *см.* **вкатиться**; 2. *страд.* даровардa шудан, ғелонда шудан

вкачать *сов. что* фуру кашидан, ба дарун кашидан *(бо насос)*

вкачивать *несов. см.* **вкачать**

вкачиваться *несов. страд.* фуру кашида шудан, ба дарун кашида шудан *(бо насос)*

вкидать *сов. что прост.* ба дарун андохтан (ҳаво додан, партофтан)

вкидывать *несов. см.* **вкидать** *и* **вкинуть**

вкидываться *несов. страд.* ба дарун андохта (партофта) шудан

вкинуть *сов. что* ба дарун андохтан (афкандан, партофтан)

вклад *м* 1. *(по знач. гл.* **вложить** 3) пул мондан(и), маблағ гузоштан(и) 2. пули (маблағи) амонат, амонат, пасандоз; **бессрочные** ~**ы** амонати бемӯҳлат; **срочные** ~**ы** амонати муҳлатдор (фаврӣ) 3. *уст. (пожертвование)* назр, ҳадья 4. *перен.* ҳисса, саҳм; **внести ценный** ~ **в науку** ба хазинаи илм саҳми арзанда гузоштан

вкладка *ж* 1. *см.* **вкладывание**; 2. *(вложенный лист)* варақаи замима (иловагӣ) *(дар даруни китоб, журнал ё газета)*

вкладн||ой, -ая, -ое 1. ...и пул мондан(и); амонатӣ; ~**ые суммы** маблағи амонатӣ 2. *(являющийся вкладкой)* замима, иловагӣ; ~**ой лист** варақаи замима (иловагӣ)

вкладчик *м* амонатгузор

вкладчица *женск. к* **вкладчик**

вкладывание *с (по знач. гл.* **вложить)** ба дарун гузоштан(и)

вкладывать *несов. см.* **вложить**

вкладываться *несов.* 1. *см.* **вложиться**; 2. *страд.* даровардa шудан, ба дарун гузошта шудан

вкладыш *м* 1. варақаи замима, варақаи иловагӣ *(дар даруни китоб, журнал ё газета)* 2. *тех.* вкладыш *(дар мошин)*

вклеивание *с (по знач. гл.* **вклеить)** ба дарун часпондан(и)

вклеивать *несов. см.* **вклеить**

вклеиваться *несов.* 1. *см.* **вклеиться**; 2. *страд.* ба дарун часпонда шудан

вклеить *сов. что* 1. ба дарун часпондан (ширеш кардан) 2. *перен. разг.* луқма додан, гап партофтан (қати кардан); ~ **словцо** гап қатӣ кардан

вклеиться *сов.* ба дарун часпидан (ширеш шудан), ба дарун часпида маҳкам шудан

вклейка *ж* 1. *см.* **вклеивание**; 2. *(то, что вклеено)* варақаи ба дарун часпондашуда

вклепать *сов.* 1. *что разг.* парчин карда часпондан 2. *кого перен. прост.* муттаҳам кардан, туҳмат задан

вклепаться *сов.* 1. *разг.* парчин карда часпонда шудан 2. *перен. прост.* ба кори баде кашида шудан

вклёпка *ж (по знач. гл.* **вклепать** 1) парчин карда часпондан(и)

вклёпывать *несов. см.* **вклепать**

вклёпываться *несов.* 1. *см.* **вклепаться**; 2. *страд.* парчин карда часпонда шудан

вклинение *с (по знач. гл.* **вклинить)** фоназанӣ; *(по знач. гл.* **вклиниться)** зада даромадан(и), рахна карда даромадан(и)

вклинивание *с см.* **вклинение**

вклинивать *несов. см.* **вклинить**

вклиниваться *несов.* 1. *см.* **вклиниться**; 2. *страд.* фона зада шудан, зада даровардa шудан

вклинить *сов. что* 1. фона задан 2. *перен. разг. (вставить в речь)* луқма додан, гап қатӣ кардан

вклиниться *сов.* 1. фонавор даромадан 2. *перен. (вторгнуться)* даромадан, зада даромадан, бурида даромадан, рахна карда даромадан, зуран ворид шудан

включатель *м* васлак *(калиди бастукушои ҷараёни электр)*

включать *несов. см.* **включить**; ~ **в себя** дар таркиби худ доштан, дар бар гирифтан

включаться *несов.* 1. *см.* **включиться**; 2. *страд.* даровардa шудан, дохил карда шудан

включая 1. *деепр.* дохил карда истода, дохилкунон 2. *предлог с вин.* ҳамчунин, ҳисоб карда, аз (дар) он ҷумла; **он прочитал все произведения писателя,** ~ **переписку** вай тамоми асарҳои нависанда, аз он ҷумла мукотибаи уро хонда фаровардааст

включение *с* 1. *(по знач. гл.* **включить)** дарҷ кардан(и), дохил (ҳамроҳ) кардан(и); *(по знач. гл.* **включиться)** дохилшавӣ, ҳамроҳшавӣ 2. *геол.* ғаш *(мас. дар маъдан)*

включительно *нареч.* ҳамчунин, ҳисоб карда, то худи...; **по двадцатое число** ~ то худи рӯзи бистум, рузи бистумро ҳам ҳисоб карда

включить *сов.* 1. *кого-что* даровардан, дарҷ кардан, дохил (ҳамроҳ) кардан; ~ **в список** ба руйхат даровардан; ~ **в команду** ба команда дохил кардан 2. *что тех.* гардондан, ба кор (ба ҳаракат) андохтан, даргирондан, васл кардан; ~ **мотор** моторро ба кор андохтан; ~ **свет** чароғи электрикро даргирондан; ~ **радио** радио мондан

включи||ться *сов.* 1. даромадан, дохил (ҳамроҳ) шудан, қатӣ шудан; ~**ться в бригаду** ба бригада ҳамроҳ шудан 2. *тех.* ба кор (ба ҳаракат) даромадан, даргирифтан; **свет** ~**лся** чароғ даргирифт

вковать *сов. что* парчин кардан, кубидан

вковывать *несов. см.* **вковать**

вковываться *несов. страд.* парчин карда шудан, кубида шудан

вколачивание *с (по знач. гл.* **вколотить)** зада даровардан(и), куфтан(и); ба зур фаҳмондан(и)

вколачивать *несов. см.* **вколотить**

вколачиваться *несов. страд.* зада даровардa шудан, кӯфта шудан

вколотить *сов. что* 1. *разг.* зада даровардан, куфта даровардан, задан, куфтан; ~ **в стену гвоздь** ба девор мех куфтан 2. *перен. прост.* фаҳмондан, ба зӯр фаҳмондан, ба майнаи *касе* ҷо кардан ◇ ~ **себе в голову** ба майнаи худ ҷо кардан; ~ **в гроб** ба азоби гур гирифтор кардан

вколоть *сов. что* халондан, фуру халондан; ~ **цветок в причёску** ба мӯйсар гул халондан

вколоться *сов.* халонда шудан

вконец *нареч. разг.* тамоман, комилан, бутун; **он** ~ **отчаялся** вай тамомаи ноумед шуд

вкопанный *прич.* (вкопан, -а, -о) шинондашуда, гӯр кардашуда ◇ **как** ~ хода хурдагӣ барин; чуби хушк барин

вкопать *сов. что* шинондан, гур кардан; ~ **столб** сутун шинондан

вкопаться *сов. во что* чуқур рафтан, даромада (фуру) рафтан, гӯр шудан; ~ **в снег** ба даруни барф даромада рафтан

вкоренить *сов. что* реша гирондан, ҷорӣ (маъмул) кардан, одат кунондан

вкорениться *сов.* реша гирифтан (давондан), ҷорӣ (маъмул) шудан, одат шуда мондан

вкоренять *несов. см.* **вкоренить**

вкореняться *несов.* 1. *см.* **вкорениться**; 2. *страд.* ҷорӣ (маъмул) карда шудан

вкось *нареч.* каҷ, уреб, яклаба; **сложить платок** ~ руймолро уреб қат кардан ◇ ~ **и вкривь** 1) каҷу килеб 2) чаппаю роста

ВКП(б) Всесоюзная Коммунистическая партия (большевиков) *ист.* ВКП(б) Партияи Коммунистии (большевикони) Умуми Иттифоқ *(номи КПСС сс. 1925—52)*

вкрадчиво *нареч.* ҳилагарона, каззобона, бо нармзабонӣ; ~ **спросить** ҳилагарона пурсидан

вкрадчивость *ж* ҳилагарӣ, хушомадгуӣ, нармзабонӣ

вкрадчив||ый, -ая, -ое (вкрадчив, -а, -о) ҳилагар(она), аклдузд, хушомадгӯй, нармзабон; ~**ые манеры** рафтори ҳилагарона

вкрадываться *несов. см.* **вкрасться**

вкрапина *ж разг.* реза, хол, чакра

вкрапить *сов. что* хол-хол (чакра-чакра) кардан

вкрапиться *сов.* хол-хол (чакра-чакра) шудан

вкрапление *с* 1. *(по знач. гл.* **вкрапить)** хол-хол (чакра-чакра) кардан(и) 2. реза, хол, чакра, чакра-чакра

вкрапленник *м геол.* дохила *(минерали яклухти бузург дар таркиби ҷинсҳои реза)*

вкрапливание *с см.* вкрапление 1

вкрапливать *несов. см.* **вкрапить**

вкрапливаться *несов.* 1. *см.* **вкрапиться**; 2. *страд.* хол-хол (чакра-чакра) карда шудан

вкрапля́ть(ся) *несов. см.* **вкра́пить(ся)**

вкра́||сться *сов.* 1. *(тайком войти)* пинҳонӣ даромадан, номаълум дохил шудан 2. тасодуфан пайдо шудан, тасодуфан руй додан; **в вычисле́ния ~лась оши́бка** дар ҳисоб тасодуфан хатое рафтааст 3. *перен.* пайдо шудан, омадан; **в мою́ ду́шу ~лось сомне́ние** дар дилам шубҳае пайдо шуд ◇ **~сться в дове́рие к кому́-л.** бо ҳила ба мағзи пӯсти касе даромадан (ҷо шудан)

вкра́тце *нареч.* мухтасар(ан), ихтисоран, кутоҳ карда; **~ изложи́ть содержа́ние докла́да** мазмуни маърузаро мухтасар баён кардан

вкривь *нареч. разг.* каҷ, каҷу килеб, уреб, яклаба, яктарафа ∴ **~ и вкось** 1) каҷу килеб 2) чаппаю роста; **толкова́ть о чём-л. ~ и вкось** ягон чизеро нодуруст маънидод кардан

вкруг *нареч. и предлог уст. см.* **вокру́г**

вкругову́ю *нареч. разг.* гирдогирд, давродавр, даст ба даст; **ча́ша пошла́ ~** ҷом даст ба даст рафт

вкрути́ть *сов. что разг.* 1. тофта даровардан 2. *кому груб. прост.* сари касеро гаранг (гиҷ) кардан, касеро гул задан, фанд додан

вкрути́ться *сов. разг.* тоб хурда даромадан

вкруту́ю *нареч.* сахт *(дар бораи пухтани тухми мурғ)*; **я́йца свари́лись ~** тухмҳо пухта сахт шудаанд

вкру́чивать *несов. см.* **вкрути́ть**

вкру́чиваться *несов.* 1. *см.* **вкрути́ться**; 2. *страд.* тофта даровaрда шудан

вку́пе *нареч. уст. книжн.* дар як ҷо, якҷоя, ҳамроҳ

вкус *м* 1. маза, таъм; **го́рький ~** таъми талх; **о́рганы ~а** узвҳои зоиқа 2. маза; **~ ры́бы** мазаи моҳи 3. завқ, салиқа, табъ; **у неё хоро́ший ~** табъаш баланд аст; **одева́ться со ~ом** босалиқа либос пӯшидан 4. шавқ, завқ, ҳавас, рағбат, мазоқ; **у него́ ~ к литерату́ре** вай ба адабиёт шавқу завқ дорад 5. услуб, усул, тарз; **э́то сде́лано в но́вом ~е** ин чиз ба тарзи нав сохта шудааст ◇ **на ~** ба табъи...; **по ~у** хуш меояд, мефорад; **не по ~у** намефорад, маъқул нест; **де́ло ~а** ҳар кию ҳар чӣ; **войти́ во ~** мазахурак шудан; **на ~ и цвет това́рищей нет**; **о ~ах не спо́рят** *посл.* ≈ ҳар кию ҳар чӣ

вкуси́ть *сов. что, чего* 1. *уст. (отведать)* чашидан 2. *перен.* чашидан, дидан, аз сар гузарондан; **~ все му́ки ада** азоби гур (сахт) дидан, азоби ҷаҳаннам кашидан

вку́сно 1. *нареч.* лазиз, болаззат, бомаза, хуштаъм; **~ пое́сть** зукка хурдан, таоми лазиз хурдан 2. *в знач. сказ. безл.* бомаза (лазиз, гуворо) аст, хуштаъм аст; **э́то бы́ло о́чень ~** ин хурок хеле бомаза буд

вку́сный, -ая, -ое (вку́с|ен, -на́, -но) лазиз, болаззат, бомаза, хуштаъм, гуворо

вкусов||о́й, -а́я, -о́е ...и таъм; **~ы́е сво́йства пи́щи** мазаи хӯрок; **~ы́е о́рганы** узвҳои зоиқа

вкусовщи́на *ж разг.* ғаразнокӣ *(мувофиқи табъи худ нодуруст баҳо додан ба ин ё он ҳодиса)*

вкуша́ть *несов. см.* **вкуси́ть**

вла́г||а *ж* нам, рутубат, заҳ, об; **во́здух насы́щен ~ой** ҳаво пур аз рутубат аст

влага́лище *с* 1. *анат.* маҳбал *(даромадгоҳи узви таносули занон)* 2. *бот.* ғилофаки барг

влага́лищный, -ая, -ое 1. *анат.* ...и маҳбал, маҳбалӣ 2. *бот.* ...и ғилофаки барг

влага́ть *несов. см.* **вложи́ть**

влага́ться *несов. страд.* даровaрда (андохта) шудан, ба дарун гузошта шудан

влагоё́мкий, -ая, -ое намкаш, обталаб

влагозаде́ржание *с с.-х.* обнигоҳдорӣ, намнигоҳдорӣ

влагоме́р *м* намисанҷ

влагонепроница́емый, -ая, -ое обногузар, обнодаро, наминогузар

влагосто́йк||ий, -ая, -ое ба об (ба нами) тобовар, намибардор; **~ие материа́лы** масолеҳи намибардор

владе́лец *м* соҳиб, молик, доранда

владе́лица *ж* соҳиба, молика, доранда

владе́льческий, -ая, -ое ...и соҳиб, ...и молик, ...и доранда

владе́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **владе́ть**) соҳибикунӣ, тасарруф, тасарруф кардан(и), дар ихтиёр доштан(и) 2. *уст.* мулк 3. мулк, қаламрав; **колониа́льные ~я** мулкҳои мустамлика

владе́тель *м уст.* 1. *(правитель)* малик 2. *(владелец)* соҳиб, молик, доранда

владе́тельница *ж уст.* 1. *(правительница)* малика 2. *(владелица)* соҳиба, доранда

владе́тельный, -ая, -ое *уст.* соҳибдавлат, бадавлат, бой, доро; **~ князь** князи соҳибдавлат

возвы́сить *сов.* 1. *что уст.* (*сделать выше*) бардоштан, боло бардоштан 2. *кого-что* калон (таъриф) кардан, баланд бардоштан; ~ **в чьих-л. глаза́х** дар пеши назари касе баланд бардоштан 3. *что уст.* (*увеличить*) баланд кардан (*баҳо ва арзишро*) 4. *что* (*усилить*) боло (баланд, шунаво) кардан (*овозро*) ◊ ~ **до себя́** ба худ расондан, баробар кардан, тимсоли худ кардан

возвы́ситься *сов.* 1. *уст.* (*подняться*) боло (баланд) шудан, боло баромадан 2. (*возвеличиться*) калон шудан 3. *уст.* (*увеличиться*) баланд шудан (*дар бораи баҳо ва арзиш*) 4. (*усилиться — о голосе*) баланд (шунаво) шудан

возвыша́||ть *несов.* 1. *см.* **возвы́сить**; 2. *кого-что* поктинат (нексиришт) кардан; **му́зыка** ~**ет челове́ка** мусиқӣ ба одам файз мебахшад

возвыша́||ться *несов.* 1. *см.* **возвы́ситься**; 2. дар баландӣ намудор будан; **на горе́** ~**лось зда́ние** дар [болои] теппа иморате намудор буд 3. *над кем-чем перен.* (*выделяться*) барҷаста будан, бартарӣ, (афзалият) доштан; як сару гардан баланд будан 4. *страд.* баланд карда шудан

возвыше́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **возвы́сить**) болобардорӣ; ирфоъ (*по знач. гл.* **возвы́ситься**) болошавӣ, баландшавӣ, иртифоъ 2. (*место*) баландӣ

возвы́шенность *ж* 1. баландӣ, теппа, тал 2. баландӣ, олӣ будан(и); ~ **чувств** баландии ҳиммат

возвы́шенн||ый, -ая, -ое 1. баланд; ~**ая ме́стность** баландӣ 2. олӣ; ~**ая цель** мақсади олӣ

возгла́вить *сов. кого-что* сардорӣ (идора) кардан, сардор (раҳбар) шудан

возглавля́ть *несов. см.* **возгла́вить**

возглавля́ться *несов. страд.* сардорӣ (идора, раҳбарӣ) карда шудан

во́зглас *м* нидо, хитоб, бонг; ~ **ра́дости** нидои шодӣ; **одобри́тельные** ~**ы** нидоҳои таҳсин

возгласи́ть *сов. что и без. доп. уст.* хитоб кардан; эълон кардан, ҷор андохтан

возглаша́ть *несов. см.* **возгласи́ть**

возго́нка *ж хим.* табхир, буғгардонӣ

возгоня́ть *несов. что хим.* табхир кардан, буғ гардондан

возгоня́ться *несов. страд.* табхир карда шудан

возгора́емость *ж* қобилияти сузиш (афрузиш)

возгора́емый, -ая, -ое сӯзанда, оташгиранда

возгора́ние *с* (*по знач. гл.* **возгоре́ться**) даргирифтан(и), аланга гирифтан(и)

возгора́ться *несов. см.* **возгоре́ться**

возгорди́ться *сов.* калонигарӣ (каттагӣ) кардан, мағрур (мутакаббир) шудан, манманӣ кардан

возгоре́||ться *сов. высок.* 1. даргирифтан, оташ (аланга) гирифтан, шуълавар шудан 2. *перен.* якбора пайдо шудан, авҷ гирифтан; ~**лась борьба́** мубориза якбора авҷ гирифт 3. *чем перен.* якбора ба савдои чизе афтидан; ~**ться честолю́бием** ба савдои шуҳратпарастӣ афтидан

воздава́ть *несов. см.* **возда́ть**

воздава́ться *несов.* 1. *см.* **возда́ться**; 2. *страд.* адо карда шудан

возда́ть *сов. что уст. и высок.* тақдир кардан; ~ **до́лжное кому́-чему́-л.** касеро, чизеро тақдир кардан

возда́ться *сов. безл. уст.* тақдир карда шудан

воздая́ние *с уст.* аҷр, подош

воздвига́ть *несов. см.* **воздви́гнуть**

воздвига́ться *несов. страд.* бино карда шудан, сохта шудан

воздви́гнуть *сов. что* бино кардан, сохтан, барпо кардан; ~ **па́мятник** ҳайкал сохтан, ҳайкал гузоштан

воздева́ть *несов. см.* **возде́ть**

возде́йствие *с* таъсир, нуфуз; асар; **мора́льное** ~ таъсири маънавӣ; **физи́ческое** ~ таъсири ҷисмонӣ; **оказа́ть** ~ **на кого́-что́-л.** ба касе, чизе таъсир кардан

возде́йствова||ть *сов., несов. на кого-что* таъсир кардан, нуфуз гузарондан; **слова́ не** ~**ли на него́** гап ба вай таъсир накард

возде́лать *сов. см.* **возде́лывать**

возде́лывание *с* (*по знач. гл.* **возде́лывать**) рондан(и), шудгор кардан(и); рӯёндан(и), парваридан(и); ~ **хлопча́тника** пахтакорӣ, руёндани пахта

возде́лывать *несов. что* 1. рондан, шудгор кардан; ~ **по́чву** заминро шудгор кардан 2. руёндан, сабзондан, парвариш кардан, парваридан; ~ **культу́ру хло́пка** пахта рӯёндан

возде́лываться *несов. страд.* ронда шудан, шудгор карда шудан; руёнда шудан

воздержа́вш||ийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* парҳезкарда, худдорикарда 2. *в знач. сущ.* **воздержа́вшийся** *м* бетараф; **коли́чество** ~**ихся при голосова́нии** адади бетарафон ҳангоми овоздиҳӣ

воздержа́ние *с* парҳез, қаноат

воздёржанность *ж* парҳезкорӣ, қаноатпешагӣ

воздёржанный, -ая, -ое (воздёржан, -на, -но) парҳезгор, қаноатпеша

воздержа́ться *сов.* парҳез (қаноат) кардан // (*при голосовании*) бетараф мондан, иштирок накардан

воздёрживаться *несов. см.* **воздержа́ться**

воздéть *сов.*: ~ **рýки** *уст. книжн.* даст ба дуо бардоштан

вóздух I *м* ҳаво; **свéжий** ~ ҳавои тоза (соф); **спёртый** ~ ҳавои вазнин, ҳавои дам (дим); **сжáтый** ~ *физ.* ҳавои фишурда; **жи́дкий** ~ *физ.* ҳавои моеъ; **войнá** в ~е ҷанги ҳавоӣ; **дышáть свéжим** ~ом ҳавои тоза гирифтан ◇ ~! *воен.* хатари ҳавоӣ! *(огоҳ кардан аз ҳуҷуми ҳавоӣ)*; **на вóльном** ~е 1) *(вне помещения)* берун, беруни хона 2) *(вне города)* дар беруни шаҳр, дар ҳавои кушод; **на откры́том** ~е дар ҳавои кушод; **взлетéть на** ~ 1) таркида пош хурдан 2) *(рассеяться — о планах, мечтах и т. п.)* бар бод рафтан, пуч баромадан; **висéть в** ~е 1) муаллақ будан 2) бе натиҷа (бе ҷавоб) мондан, таъсир накардан 3) ҳал нашуда (норавшан) мондан; **витáть в** ~е хаёлпарастӣ кардан, хаёли хом дар сар парваридан; **вы́йти на** ~ берун баромадан; **глотáть** ~ ҳаво фурӯ кашидан, даҳонро кушода сахт-сахт нафас кашидан; **дышáть** ~**ом чегó-л.** *книжн.* дар ҳавои чизе қаноат кардан; **питáться** ~**ом** *шутл.* бо қути лоямут зистан; **подня́ть на** ~ таркондан; **в** ~**е нóсится (чýвствуется)** ҳис карда мешавад

вóздух II *м церк.* ҳиҷоб *(рӯйпуши зарфи нону шароби калисо)*

воздухо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҳаво»:* **воздухообмéн** мубодилаи ҳаво; **воздухоплáвательный** ...и ҳавонавардӣ

воздуходýвка *ж* ҳаводамак *(мошине, ки ҳавои фишурдашударо бо печи домна мефиристонад)*

воздуходýвный, -ая, -ое ...и ҳаводамак

воздухонагнетáтельный, -ая, -ое ҳавофиристанда, ҳавофишоранда; ~ **насóс** насоси ҳавофиристанда(ҳавофишоранда)

воздухонепроницáемость *ж* ҳавоногузар будан(и)

воздухонепроницáемый, -ая, -ое (воздухонепроницáем, -а, -о) ҳавоногузар

воздухоохлади́тель *м* ҳавохунуккунак

воздухоочисти́тель *м* ҳавософкунак, ҳавотозакунак

воздухоплáвание *с* ҳавопаймоӣ, ҳавонавардӣ

воздухоплáватель *м* ҳавонавард

воздухоплáвательный, -ая, -ое ...и ҳавопаймоӣ, ...и ҳавонавардӣ

воздухоподогревáтель *м* ҳавогармкунак

воздухопровóдный, -ая, -ое ҳавогузар, ҳавогузарон, ...и ҳавогузаронӣ

воздухопроницáемость *ж* ҳавогузарӣ

воздухопроницáемый, -ая, -ое (воздухопроницáем, -а, -о) ҳавогузар, ҳавогузарон

воздýшность *ж* сабукӣ, нафосат, латофат

воздýшн||ый, -ая, -ое (воздýш|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* ҳавоӣ, ...и ҳаво; ~**ое пространство** фазои ҳаво; ~**ая волнá** мавҷи ҳаво; ~**ые течéния** ҷараёни ҳаво; ~**ый бой** ҷанги ҳавоӣ; ~**ый насóс** насоси ҳавоӣ; ~**ый флот** флоти ҳавоӣ; ~**ый десáнт** десанти ҳавоӣ 2. *перен.* сабук, нафис, латиф; ~**ое плáтье** либоси нафис ◇ ~**ые вáнны** ҳавохурӣ; ~**ый корáбль** сафинаи ҳавоӣ; ~**ый пирóг** пироги фаххук; ~**ая подýшка** *тех.* ҳавоболин; **сýдно на** ~**ой подýшке** киштии ҳавоболин; ~**ый поцелýй** бусан ҳавоӣ *(аз дур истода даст ба лаб бурда гуё буса фиристодан)*; ~**ая тревóга** бонги хатари ҳавоӣ; ~**ый шар** пуфаки (болуни) ҳавоӣ; ~**ая я́ма** *ав.* чоҳи ҳаво; **стрóить** ~**ые зáмки** хаёли хом парваридан; нақш бар об кашидан

воздыхáни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **воздыхáть)** *уст.* оҳкашӣ 2. нолиш, шикоят, гила, сӯзу гудоз ◇ **ни глáса, ни** ~**я** *книжн.* на даму на овоз

воздыхáть *несов. уст. см.* **вздыхáть**

воззвáние *с (письменное)* мурочиатнома, баёния, хитобнома; *(устное)* мурочиат, даъват, хитоб

воззвáть *сов. к кому-чему уст. и высок.* мурочиат (даъват, хитоб) кардан

воззрéни||е *с книжн.* назария, ақида, нуктаи назар, мафкура; **излагáть свой** ~**я** ақидаи худро баён кардан

воззрéть *сов. уст.* назар андохтан

воззри́ться *сов. прост.* чашм духтан

вози́ть *несов.* 1. *кого-что* бурдан, кашондан *(савора)*; ~ **дровá и́з лесу** аз ҷангал ҳезум кашондан 2. *чем разг.* молидан; ~ **рукавóм пó столу** остин ба руи миз молидан ◇ ~ **вóду на кóм-л.** корҳои сахтро ба касе бор кардан

возй||ться I *несов.* 1. *(копошиться)* паҳлу задан, ҷунбидан, ҷунбуҷӯл кардан 2. шӯхӣ (бозӣ) кардан; **дéти** ~**лись на коврé** бачаҳо дар рӯи қолин бозӣ мекарданд 3. *разг.* андармон будан (шудан), овора (машғул) шудан, банд будан; ~**ться на кýхне** пухтупаз кардан, бо дегу табак андармон шудан

вози́ться II *несов. страд.* бурда (кашонда) шудан

вóзка *ж (по знач. гл.* **вози́ть** 1) *разг.* бурдан(и), кашондан(и) *(савора)*; ~ **дров** ҳезумкашонӣ

возлагáть *несов. см.* **возложи́ть** ◇ ~ **надéжды на когó-чтó-л.** ба умеди касе, чизе шудан, ба касе, чизе умед бастан

возлагáться *несов. страд.* гузошта (монда, бор карда) шудан

вóзле 1. *нареч.* бисьёр наздик; **чемодáн стоя́л** ~ ҷомадон бисьёр наздик истода буд 2. *предлог с род.* дар пеши..., дар назди..., дар паҳлуи..., дар бари...; **маши́на останови́лась** ~ **дóма** мошин дар пеши хона истод

возлежáть *несов. уст. поэт., теперь шутл.* якпаҳлу хобидан, дароз кашида (ёзида) хобидан

возликовáть *сов.* шодӣ кардан, шодмон (хурсанд, масрур) шудан

возлия́ние *с* 1. *ист.* шароб назр кардан(и), май нисор кардан(и) *(таомули баъзе халқҳои қадим)* 2. *шутл.* шаробхӯрӣ, майнӯшӣ, нушонӯш, айёшӣ

возложéние *с (по знач. гл.* **возложи́ть)** ниҳодан(и), гузоштан(и)

возложи́ть *сов. что на кого-что* 1. ниҳодан, гузоштан, мондан; ~ **венки́ на моги́лу** ба сари қабр гулчанбар мондан 2. ба зиммаи касе гузоштан, ба уҳдан касе гузоштан (ниҳодан); ~ **отвéтственность на когó-л.** масъулиятро ба зиммаи касе гузоштан

возлюби́ть *сов. кого-что уст.* нағз дидан, дуст доштан, муҳаббат бастан, дил додан (бохтан)

возлю́бленный, -ая, -ое 1. *уст.* гиромӣ, ҷоноҷон, азиз 2. *в знач. сущ.* **возлю́бленный** *м* маъшуқ, маҳбуб; **возлю́бленная** *ж* маъшуқа, маҳбуба

возмéздие *с высок.* сазо, ҷазо, подош, қасос

возмести́ть *сов. что* пур (пурра) кардан, подош (товон, талофӣ) додан

возмести́ться *сов.* пур (подош) шудан

возмечтáть *сов. уст.* ба хаёл рафтан (дода шудан) орзу парваридан; ◇ ~ **о себé** худро калон (бузург) пиндоштан, манманӣ кардан

возмещáть *несов. см.* **возмести́ть**

возмещáться *несов. страд.* пур (пурра) карда шудан

возмещéние *с* 1. *(по знач. гл.* **возмести́ть)** пурра кардан(и), подошдиҳӣ, товондиҳӣ; ~ **ущéрба** товони зарар 2. подош, товон, талофӣ

возмóжно 1. *нареч.* ба қадри имкон, то мумкин аст, ҳатталимкон; ~ **лу́чше** ба қадри имкон беҳтар; **в** ~ **корóткий срок** дар муҳлати ҳатталимкон кӯтоҳтар 2. *в знач. сказ. безл.* ҳар чӣ мумкин аст (бошад); **я сдéлаю всё, что** ~ ман ҳар чӣ мумкин бошад, мекунам 3. *в знач. вводн. сл.* шояд, эҳтимол, зоро, балки, аҷаб не, мумкин аст; **мы,** ~, **ещё встрéтимся** мо, шояд, боз вохӯрем

возмóжност||ь *ж* 1. имкон, имконият, эҳтимолият 2. имконият; **испóльзовать все** ~**и** тамоми имкониятро ба кор бурдан; **дать** ~**ь** имконият додан, роҳ (иҷозат) додан; ~**ь избирáть и быть и́збранным** имконияти интихоб кардан ва интихоб шудан 3. *мн.* **возмóжности** имкониятҳо, захираҳо; **материáльные** ~**и** захираҳои моддӣ ◇ **до послéдней** ~**и** ҳатталимкон; **нет** ~**и** мумкин нест, илоҷ надорад; маҳол аст; **по** ~**и, по мéре** ~**и** *в знач. вводн. сл.* ба қадри имкон, то мумкин аст, алоқадри ҳол, ҳатталимкон; **при пéрвой** ~**и** ҳамин ки имконият (фурсат) даст дод

возмóжн||ый, -ая, -ое (возмóж|ен, -на, -но) 1. имконпазир, эҳтимолӣ; ~**ые послéдствия** оқибати эҳтимолӣ 2. *(осуществимый)* имконпазир, мумкин, шуданӣ

возмужáлость *ж* балоғат, болиғӣ

возмужáлый, -ая, -ое болиғ, болиғшуда, ба балоғатрасида; ~ **вид** намуди болиғ; ~ **юноша** ҷавони болиғ

возмужáть *сов.* болиғ шудан, ба балоғат расидан

возмути́тель *м* балвоангез, шурангез, вайронкунанда; ~ **спокóйствия** вайронкунандаи оромӣ

возмути́тельно *нареч.* нафратангезона, ба таври нафратовар; **вести́ себя́** ~ нафратангезона рафтор кардан

возмути́тельный, -ая, -ое (возмути́те|лен, -льна, -льно) нафратовар, ғазабовар, тоқатнопазир; ~ **посту́пок** кирдори нафратовар

возмути́ть *сов. кого-что* 1. *(привести в негодование)* ба қаҳр (ба ғазаб) овардан, хашмгин (оташин) кардан 2. *уст. (побудить к мятежу)* ба шуриш овардан, шурондан

возмути́ться *сов.* 1. *(прийти в негодование)* барошуфтан, қаҳр кардан, нафрат кардан, ба ғазаб омадан, шӯридан 2. *уст. (поднять мятеж)* шуридан, балво (исьён) бардоштан

возмуща́ть *несов. см.* **возмути́ть**

возмуща́ться *несов.* 1. *см.* **возмути́ться;** 2. *страд.* ба ғазаб оварда шудан; шӯронда шудан

возмуще́ние *с* 1. нафрат, қаҳр, ғазаб, ошуб; **прийти́ в** ~ ба ғазаб омадан 2. *уст. (мятеж)* балво, исьён, шуриш 3. *астр.* ғалаён *(дигар шудани мадори ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ аз таъсири ҷирмҳои дигар)* ◇ **магни́тное** ~ ғалаёни магнитӣ

возмущённый, -ая, -ое 1. *прич.* ба ғазаб овардашуда, шуронидашуда, оташин кардашуда 2. *прил.* ғазабнок, хашмгин, пурғазаб; ~ **взгляд** нигоҳи пурғазаб

вознагради́ть *сов. кого-что* мукофот (инъом, подош) додан

вознагради́ться *сов.* мукофот (инъом, подош) гирифтан

вознагражда́ть *несов. см.* **вознагради́ть**

вознагражда́ться *несов.* 1. *см.* **вознагради́ться;** 2. *страд.* мукофотонида шудан

вознагражде́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **вознагради́ть**) мукофотдиҳӣ, инъомдиҳӣ, подошдиҳӣ 2. мукофот, инъом, подош; **де́нежное** ~ мукофоти пулӣ; ~ **за труд** подоши хизмат

вознаме́риваться *несов. см.* **вознаме́риться**

вознаме́риться *сов. уст.* ният кардан, қарор додан, ба коре камар бастан, аҳд кардан

вознегодова́ть *сов. на кого-что книжн.* ғазабнок (оташин, хашмгин) шудан, қаҳр кардан

возненави́деть *сов. кого-что* сахт бад дидан, беҳад нафрат кардан

вознесе́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **вознести́**) болобарой, баландбарой (*по знач. гл.* **вознести́сь** 1) болошавӣ 2. *церк.* меъроҷ *(яке аз идҳои дини насронӣ)*

вознести́ *сов. кого-что высок.* боло баровардан, баланд бардоштан

вознести́сь *сов.* 1. *высок.* боло баромадан, боло паридан, баланд баромадан 2. *прост. (возгордиться)* такаббур фурухтан, мағрур (ҳавобаланд) шудан

возника́ть *несов. см.* **возни́кнуть**

возникнове́ние *с* пайдоиш, пайдо (барпо) шудан(и), руй додан(и), ба вуҷуд омадан(и)

возни́кнуть *сов.* пайдо (барпо) шудан, руй додан, ба вуҷуд омадан

возни́ца *м* аробакаш, фойтунчӣ

возноси́ть *несов. см.* **вознести́**

возноси́ться *несов.* 1. *см.* **вознести́сь;** 2. *страд.* баланд бардошта шудан

возноше́ние *с см.* **вознесе́ние** 1

возн||я́ *ж разг.* 1. кашмакаш, афтударафт, ғалоғула, ғавғо, даводавӣ; **де́ти подня́ли** ~**ю** бачагон кашмакаш карданд 2. ташвиш, тараддуд, оворагӣ, даводав, давуғеҷ; ~**я́ с устано́вкой прибо́ров** ташвиши шинондани асбобҳо ◇ **мыши́ная** ~**я** ташвиши беҳуда, ташвиши зиёдатӣ

возоблада́ть *сов. уст.* бартарӣ (афзалият) ҳосил кардан, ғолиб шудан, дастболо шудан

возобнови́ть *сов. что* аз нав барқарор (барпо) кардан, аз нав сар (ҷорӣ) кардан, таҷдид кардан; ~ **рабо́ту** корро аз нав сар кардан; ~ **знако́мство** ошноиро аз нав давом додан

возобнови́ться *сов.* аз нав барқарор (барпо) шудан, аз нав сар (ҷорӣ) шудан

возобновле́ние *с* (*по знач. гл.* **возобнови́ть**) аз нав барқарор кардан(и), аз нав сар (ҷорӣ) кардан(и); (*по знач. гл.* **возобнови́ться**) аз нав барқароршавӣ, аз нав саршавӣ (ҷоришавӣ)

возобновля́ть *несов. см.* **возобнови́ть**

возобновля́ться *несов.* 1. *см.* **возобнови́ться;** 2. *страд.* аз нав барқарор карда шудан, аз нав сар (ҷорӣ) карда шудан

возо́к *м* ҷанан каппадор (болопуш)

возомни́ть *сов* : ~ **о себе́** *разг.* такаббур (калонигарӣ, ҳавобаландӣ) кардан, ба худ мағрур будан

возопи́ть *сов. уст.* фарьёд задан, дод (вой) гуфтан, фиғон кашидан

возра́доваться *сов. уст.* хеле хурсанд шудан, шод (масрур) шудан

возража́ть *несов. см.* **возрази́ть**

возраже́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **возрази́ть**) эътироз, муқобилат, изҳори норизоӣ 2. *(довод)* эътироз, далел

возрази́ть *сов.* эътироз кардан, муқобилат кардан, зид баромадан

во́зраст *м* син, сол, синну сол; **призывно́й** ~ синни даъват *(ба армия)*; **шко́льный** ~ синни мактабӣ ◇ **моего́** ~**а** ҳамсин, ҳамсиннусол; **в моём (твоём)** ~**е**... дар синну соли ман (ту)...; **на** ~**е** болиғ *(одатан дар бораи духтари ба балоғатрасида)*; **войти́ в** ~ ба балоғат расидан; **вы́йти из** ~**а** аз синни муайян гузаштан

возраста́ние *с* (*по знач. гл.* **возрасти́**) афзоиш, зиёдшавӣ, издиёд

возраста́ть *несов. см.* **возрасти́**

возраста́ющ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* афзоянда, зиёдшаванда; ~**ая ско́рость** *физ.* суръати афзоянда; ~**ая прогре́ссия** *мат.* прогрессияи афзоянда

возрасти́ *сов.* афзудан, зиёд шудан; **возросла́ производи́тельность труда́** маҳсулнокии меҳнат афзунтар гардид

возрастно́й, -ая, -ое ...и синну сол; ~ **соста́в населе́ния** таркиби синну соли аҳолӣ

возроди́ть *сов.* 1. *что* аз нав ба вуҷуд овардан, аз нав барпо (барқарор) кардан, таҷдид кардан 2. *кого-что* эҳьё кардан, рӯҳ бахшидан; ~ **к жи́зни** ҳаёт бахшидан

возроди́ться *сов.* 1. аз нав ба вуҷуд омадан, аз нав барпо шудан 2. зиндадил шудан, руҳи тоза гирифтан

возрожда́ть *несов. см.* **возроди́ть**

возрожда́ться *несов.* 1. *см.* **возроди́ться;** 2. *страд.* аз нав барпо карда шудан

возрожде́ние *с* 1. аз нав бавуҷудорӣ, аз нав барпошавӣ, барқароршавӣ, таҷаддуд; ~ **иску́сства** таҷаддуди санъат 2. *(прилив сил)* рӯҳбаландшавӣ, зиндадилшавӣ 3. (В *прописное*) *ист.* Таҷаддуд *(давраи шукуфтани фан ва санъат дар Европаи асрҳои* 15—16*)*; **эпо́ха Возрожде́ния** давраи Таҷаддуд

во́зчик *м* аробакаш, боркаш

возыме́ть *сов. что:* ~ **де́йствие** таъсир кардан (бахшидан), асар кардан; ~ **наме́рение** ният кардан (доштан); ~ **си́лу** ҳақиқӣ (қонунӣ) шудан, ба ҳукми қонун даромадан

во́ин *м* ҷанговар, аскар ◇ **оди́н в по́ле не** ~ *посл.* ≈ аз як даст садо намебарояд

во́инск||ий, -ая, -ое ҳарбӣ, аскарӣ, ...и аскар; ~**ое зва́ние** унвони ҳарбӣ; ~**ая слу́жба** хидмати ҳарбӣ; ~**ий уста́в** устави ҳарбӣ; ~**ий учёт** қайди ҳарбӣ; ~**ая часть** қисми ҳарбӣ

вои́нственно *нареч.* 1. ҷанговарона 2. *перен.* ҷангҷӯёна; **быть** ~ **настро́енным** ҷангҷӯ будан

вои́нственность *ж* 1. ҷанговарӣ, ҷанговар (диловар) будан(и) 2. *перен.* ҷангҷӯӣ, ҷангталабӣ

вои́нственн||ый, -ая, -ое (воинствен, -на, -но) 1. ҷанговар(она), диловар(она); ~**ые племена́** қабилаҳои ҷанговар 2. *перен.* ҷангҷӯ(ёна), ҷангхоҳ (она); ~ **вид** қиёфаи ҷангталаб

во́инство *с высок.* лашкар, қушун, урду

вои́нствующий, -ая, -ее ҷанговар(она); ~ **материали́зм** материализми ҷанговар

вои́стину *нареч. высок.* ҳақиқатан, дар ҳақиқат, ба ростӣ

вои́тель *м* 1. *уст. (воин)* ҷанговар, ҷангкунанда 2. *перен. разг. шутл.* ҷангара, ҷанҷолӣ, шаттоҳ

вои́тельница *женск. к* **вои́тель**

вой *м* 1. уллос; ~ **шака́лов** уллоси шағолҳо 2. ғуррос, ғурриш; ~ **ве́тра** ғурриши бод 3. *разг.* гирьяву нола

во́йлок *м* намад

во́йлочн||ый, -ая, -ое намадӣ, намадин, ...и намад; ~**ое произво́дство** намадмолӣ

войн||а́ *ж* 1. ҷанг, муҳориба, ҳарб; **Вели́кая Оте́чественная** ~**а** Ҷанги Бузурги Ватанӣ; **агресси́вные во́йны** ҷангҳои таҷовузкорона; **вести́** ~**у́** ҷанг кардан; **пойти́** ~**о́й на кого-л.** бар муқобили касе ҷанг кардан; **развяза́ть** ~**у́** ҷанг сар кардан 2. *перен.* душманӣ, мубориза

во́йск||о *с* лашкар, қушун, сипоҳ; ~**а́ свя́зи** қушуни алоқа; **регуля́рные**

~**á** қӯшуни доимӣ (мунтазам); **наёмные ~а** аскарони кироя

войсковой, -ая, -ое ...и лашкар, ...и қушун

войт *м* войт (1. *шахси мансабдор дар шаҳрҳои Польша, Белоруссия, Украинаи асрҳои миёна* 2. *арбоби деҳа дар Украинаи пешазреволюционӣ* 3. *дар Польшаи то соли 1950 сардори общинаи деҳа*)

войти́ *сов.* 1. даромадан, дохил (ворид) шудан; ~ **в ко́мнату** ба хона даромадан // гузашта даромадан, гузаштан; **гвоздь вошёл в стену** мех ба девор даромад 2. *(включиться)* дарҷ шудан, дохил шудан, даромадан, иштирок кардан; ~ **в спи́сок** ба руйхат даромадан; ~ **в соста́в прави́тельства** ба ҳайати ҳукумат дохил шудан 3. *(вместиться)* гунҷидан, ҷой гирифтан, ҷойгир шудан; **в чемодан вошли́ все ве́щи** ҳамаи чизҳо ба ҷомадон гунҷид 4. *(вникнуть)* фаҳмидан, дарк кардан, сарфаҳм рафтан; ~ **в суть де́ла** моҳияти масъаларо нағз фаҳмидан 5. *с чем офиц.* муроҷиат кардан, пешниҳод кардан; ~ **в комиссию с предложе́нием** ба комиссия таклиф пешниҳод кардан 6. *в сочет. с сущ. и с предлогом «в»* сар кардан; ~ **в де́йствие** ҷорӣ шудан, ба ҳукми конун даромадан, эътибор пайдо кардан, ба қувват даромадан; ~ **в переговоры** гуфтугузор сар кардан; ~ **в сноше́ния** алоқа бастан 7. *в сочет. с сущ. и с предлогом «в»* шудан, гардидан; ~ **в быт** одат шудан; ~ **в мо́ду** муд шудан; расм шудан; ~ **в посло́вицу** зарбулмасал шудан, забонзад (мақол) шудан; ~ **в привычку** одат (расм) шудан ◇ ~ **в аза́рт** саргарм шудан; ~ **во вкус** ба шавқи чизе афтидан, мазаи чизеро фаҳмидан, мазахурак шудан; ~ **в дове́рие к кому́-л.** бо ҳила эътимоди касеро ба даст овардан, касеро ба худ моил кардан; ~ **в долги́ (в долг)** ба қарз ғутидан; ~ **в до́лю** саҳмдор шудан; ~ **в ду́шу (в се́рдце) к кому́-л.** дили касеро тасхир кардан; ~ **в жизнь** ба истеъмол даромадан; ба ҳаёт татбиқ шудан; ба чизе одат кардан; ~ **в исто́рию** дар таърих мондан, дар таърих ҷой гирифтан; ном баровардан; ~ **в колею (в ру́сло)** ба роҳи (ба ҳолати) муқаррарии худ даромадан; ~ **в лета (в года́, в возраст)** *уст.* болиғ шудан, ба балоғат расидан; ~ **в ми́лость** илтифот дидан; ~ **в плоть и кровь** ба мағзи устухон даромадан, одат шуда мондан; ~ **в подро́бности** 1) *(вникнуть в детали)* муфассал омухтан 2) *(быть подробным в изложении)* бā тафсил баён кардан; ~ **в положе́ние** ҳамдардӣ кардан; ~ **в разум** *уст.* оқилтар шудан, чиз (гап) мефаҳмидагӣ шудан; ~ **в си́лу** ба ҳукми қонун даромадан, қонунӣ шудан: ~ **в строй** ба кор даромадан, ба кор андохта шудан; ~ **в часть с ке́м-л.** *уст. и прост.* дар коре бо касе шарик шудан

вокабула *ж* вокабула (1. *уст. калимаи хориҷӣ бо тарҷумааш ба забони модарӣ* 2. *моддаи луғат*)

вокали́з *м муз.* вокализ (*машқ ё этюд барои овоз, ки бе матн бо овозҳои садонок иҷро мешавад*)

вокализа́ция *ж муз.* вокализация (*машқи суруд бо овозҳои садонок*)

вокали́зм *м лингв.* вокализм (*таркиби овозҳои садоноки ягон забон*)

вокали́ст *м* вокалист (*мутахассиси санъати ҳофизӣ*)

вока́льн||ый, -ая, -ое вокалӣ, ...и вокал, ...и хондан, ...и сароидан; ~**ое произведе́ние** асари вокалӣ, суруд, ашӯла

вокза́л *м* вокзал; **железнодорожный** ~ вокзали роҳи оҳан; **речно́й** ~ вокзали роҳи дарьёӣ (обӣ)

вокза́льн||ый, -ая, -ое вокзалӣ, ...и вокзал; ~**ое помеще́ние** бинои вокзал

вокру́г 1. *нареч.* гирду атроф, гирдогирд, давродавр, давру пеш; **осма́триваться** ~ ба гирду атроф нигоҳ кардан 2. *предлог с род.* дар атрофи..., дар гирди..., дар гирдогирди..., дар даври..., дар давродаври...; **ходи́ть ~ до́ма** дар гирдогирди хона гаштан 3. дар бобати..., дар бораи..., дар соҳаи..., дар атрофи...; **разговор шёл ~ вчерашнего собы́тия** суҳбат дар бораи ҳодисаи дирӯза мерафт ◇ **ходи́ть ~ да о́коло** шаф-шаф гуфта шафтолу нагуфтан; **обвести́ ~ па́льца** *кого* гул задан; ба лабн об ташна бурда ташна овардан

вол *м* барзагов, наргови ахта ◇ **рабо́тать как** ~ дев барин кор кардан

вола́н *м* волан (1. *пар-пари тур ё ҳарири куртаи занона* 2. *тубчаи бозии бадминтон*)

во́лглый, -ая, -ое *обл.* тар, нам, заҳ

во́лгнуть *несов. обл.* нам (заҳ) кашидан, мартуб шудан

волды́рь *м* обила, кубла, ғӯзаобила

волево́й, -а́я, -о́е боирода, қовиирода, ...и ирода; ~ **челове́к** одами матинирода

волеизъявле́ние *с книжн.* изҳори ирода, изҳори хоҳиш, изҳори ризоият; ~ **избира́телей** майли интихобкунандагон

волейбо́л *м спорт.* волейбол

волейболи́ст *м* волейболбоз

волейболи́стка *женск. к* **волейболи́ст**

волейбо́льн||ый, -ая, -ое ...и волейболбозӣ, ...и волейбол; ~**ая площадка** майдончаи волейбол (волейболбозӣ)

во́лей-нево́лей *нареч.* ноилоҷ, чору ночор, хоҳ-нохоҳ, бо гардани баста, аз руи ноилоҷӣ

волк *м* гург ◇ ~ **в ове́чьей шку́ре** гург дар ҷомаи меш, гург дар пусти гусфанд; **морской** ~ баҳрнаварди корозмуда; ~**ом смотреть (глядеть)** песондан, бо адоват нигоҳ кардан; **хоть ~ом вой** осмон баланду замин сахт; ~**а ноги кормят** *посл.* ризқи гург дар пояш, нои ҷугӣ — ризқи ҷугӣ; ~**ов боя́ться — в лес не ходи́ть** *посл* аз гунҷишк тарсӣ, арзан макор; и ~**и сыты, и о́вцы це́лы** *посл* на сих сузад, на кабоб; ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад; **с ~ами жить — по-волчьи выть** *посл.*≈ шаҳри якчашмон равӣ, якчашм шав; **ско́лько ~а ни корми́, он всё в лес гляди́т** *посл.*≈ гургзода оқибат гург шавад, гарчи бо одами бузург шавад

волкода́в *м* саги гурггир, саги чупонӣ

волна́ I *ж* 1. мавҷ; **морска́я** ~ мавҷи баҳр; **взрывная** ~ мавҷи таркиш 2. *перен.* авҷ, афзоиш, тараққӣ; ~ **рабо́чего движе́ния** афзоиши (авҷи) ҳаракати коргарӣ; ~ **восто́рга** авҷи шавқу завқ, камоли хурсандӣ 3. *физ.* мавҷ; **звуковая** ~ мавҷи овоз; **электромагни́тные волны** мавҷҳои электромагнит; **лови́ть волну́** *радио* мавҷи радиоро доштан

волна́ II *ж обл.* пашм, пашми гӯсфанд

волне́ние *с* 1. мавҷзанӣ, талотум, туғьён, обхез; ~ **на мо́ре** талотуми баҳр 2. *перен.* ҳаяҷон, изтироб, туғьён; ошуб; **прийти́ в** ~ ба изтироб (ба ҳаяҷон) омадан 3. *чаще мн.* **волне́ния** эътирози (норизоии) умум

волни́ст||ый, -ая, -ое (волни́ст, -а, -о) 1. мавҷнок, мавҷдор; марғуладор; ~**ые во́лосы** муи ҷингила 2. пасту баланд, ноҳамвор, теппадор; ~**ая ме́стность** маҳалли пасту баланд

волни́тельно *нареч. разг.* ба тарзи ҳаяҷоновар (изтиробовар)

волни́тельный, -ая, -ое *разг.* ҳаяҷоновар, изтиробовар, ташвишангез

волнова́ть *несов.* 1. *что* мавҷдор кардан, мавҷ занондан; **ве́тер волну́ет мо́ре** шамол баҳрро мавҷ мезанонад 2. *кого-что перен.* ба ҳаяҷон (ба изтироб) овардан, мушавваш кардан; ~ **умы́** одамонро мушавваш кардан 3. *кого-что уст.* *(подстрекать)* шуроидан, ба шур овардан

волн||ова́ться *несов.* 1. мавҷдор шудан, мавҷ задан, дар ҳаракат будан; **мо́ре ~у́ется** баҳр талотум мекунад, баҳр ноором аст 2. *перен.* *(тревожиться)* ба ҳаяҷон омадан, ошуфта (парешонҳол, мушавваш) шудан 3. *уст.* *(выражать протест)* шуридан, ғавғо бардоштан, ошуфтан

волново́д *м радио* мавҷбар (*наи металлӣ барои ба масофаи кутоҳ фиристодани мавҷҳои радио*)

волново́й, -ая, -ое ...и мавҷ, мавҷнок; мавҷмонанд

волнолом *м* мавҷшикан, мавҷгардон, мавҷбур

волноме́р *м радио* мавҷсанҷ

волнообразный, -ая, -ее (волнообра́з|ен, -на, -но) мавҷшакл, мавҷмонанд, мавҷсо

волноприбойный, -ая, -ое ...и мавҷзанӣ

волнорез *м см.* **волноло́м**

волну́ющ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* ҳаяҷоновар, изтиробовар; ~**ий расска́з** ҳикояти ҳаяҷонбахш; ~**ее изве́стие** хабари изтиробовар

воло́в||ий, -ья, -ье 1. барзаговӣ, ...и барзагов 2. *перен. разг.* бисьёр маҳкам, боқувват, говзур; ~**ьи не́рвы** асабҳои мустаҳкам ◇ ~**ья ше́я** гардани ғафс

во́лок *м* барзах (*ҷои ба ҳам наздик шудани ду дарьё, ки дар қадим аз он заврақҳоро кашола карда мегузарондаид*)

воло́ка *ж тех.* симтахта *(асбоби симкаш)*

волоки́т||а I *ж* кашолакорӣ, дӯлобкорӣ, дулобӣ, файсалдиҳӣ; **бума́жная ~а** коғазбозӣ; **вести́ борьбу́ с ~ой** бо кашолакорӣ мубориза бурдан; **нача́ть ~у** кашолакорӣ кардан

волоки́та II *м уст. разг. (любитель ухаживать)* занакабоз, занбоз

волоки́тный, -ая, -ое *разг.* ...и кашолакорӣ, кашолакорона, ...и дулобӣ

волоки́тчик *м разг.* кашолакор, коғазбоз, дулобкор

волокни́стость *ж* лифдорӣ, тордорӣ, нахдорӣ

волокни́стый, -ая, -ое (волокни́ст, -а, -о) лифдор, тордор, нахдор

волокно́ *с* 1. лиф, тор, ғоз, нах 2. *биол.* тор; **мы́шечные воло́кна** торҳои мушак

во́локом *нареч.* кашолакунон

волоку́ша *ж* 1. *обл. (повозка)* чигина 2. *с.-х.* мола 3. *обл. рыб.* тури моҳигирӣ *(барои гирифтани моҳии хурд)*

волонтёр *м уст.* волонтёр, фидоӣ, ихтиёрӣ, аскари довталаб

волонтёрный, волонтёрский, -ая, -ое *уст.* ...и волонтёр, фидоӣ

волоо́кий, -ая, -ое чашмкалон, шоҳкосачашм

во́лос *с* мӯй; **седо́й ~** мӯи сафед; **ко́нский ~** муи асп, кил ◇ **ни на́ волос** асло, ҳеҷ, ба қадри як му ҳам не; **~ы ста́ли ды́бом** мӯйҳо рост хестанд, мӯйҳо рост (сих) шуданд *(аз тарс)*; **дожи́ть до седы́х воло́с** муйсафед (пир) шудан; **красие́ть до корне́й воло́с** то баногуш сурх шудан; **притяну́ть за́ волосы** *что* бемаврид ба кор бурдан *(ягон далели ночаспонро)*; **рвать (драть) на себе́ ~ы** мӯи худро кандан, мӯйканону рӯйканон шудан; маъюс (навмед) шудан

волоса́тик *м* 1. ришта 2. *мин.* булури кӯҳӣ 3. *бот.* қав *(навъи шилха)*

волоса́тость *ж* сермӯӣ, серпашмӣ

волоса́тый, -ая, -ое (волоса́т, -а, -о) мӯйдор, сермуй, серпашм

волосёнки *мн. разг.* мӯйсари тунуку кутоҳ, сирак

волосн||о́й, -а́я, -о́е бисьёр борик, бисьёр нозук, мӯй барин борик; **~ы́е сосу́ды** *анат.* рагҳои борики хунгард

волосови́на *ж тех.* муяк *(тарқиши бисьёр борик дар сатҳи чизҳои металлӣ)*

волос||о́к *м* 1. *уменьш. к* **во́лос** муяк 2. *бот.* мӯяк 3. *тех.* муяк *(сими даруни ягон механизм)*; **~о́к электри́ческой ла́мпочки** муяки лампочкаи электрӣ ◇ **на ~о́к (на ~ке́)** *от чего* қариб, наздик; **быть на ~о́к от сме́рти** ба қил овезон истодан; ба мурдан наздик; **висе́ть (держа́ться) на ~ке́** ба муй овезон будан; дар болои қил истодан

волосообра́зный, -ая, -ое (волосообра́з|ен, -на, -но) мӯйшакл, муймонанд

волостн||о́й, -а́я, -о́е *ист.* волости, ...и волость; **~о́е правле́ние** идораи волость

во́лость *ж ист.* волость, кент (1. территорияе, ки дар Руси Қадим тобеи як ҳоким, одатан князь буд 2. воҳиди поёнии маъмурии территориявӣ, ки ба таркиби уезд дохил мешуд)

волосян||о́й, -а́я, -о́е муин, ...и мӯй; **~о́й покро́в** муи бадан; **~а́я се́тка** тӯркил

волоче́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **волочи́ть** 1) кашола кардан(и), кашондан(и) 2. *тех.* симкашӣ

волочён||ый, -ая, -ое *тех.* кашида; **~ое желе́зо** оҳани кашида

волочи́льный, -ая, -ое *тех.* ...и симкашӣ; **~ стан** дастгоҳи симкашӣ

волочи́льщик *м* коргари симкаш, симкаш

волочи́ть *несов.* 1. *кого-что* кашола кардан, кашола карда бурдан, кашондан; **~ мешо́к с муко́й** халтаи ордро кашола кардан 2. *что тех.* кашидан *(симро)* ◇ **е́ле (едва́) но́ги ~** ба зур гаштан, пойро ба зур кашола кардан, бо нӯги бинӣ хат кашида рафтан

волочи́ться *несов.* 1. *(тащиться)* кашола шудан 2. *за кем уст. разг.* занакабозӣ кардан

воло́чь(ся) *несов. разг. см.* **волочи́ть(ся)** 1

волхв *м* соҳир, ғайбдон, ҷодугар *(дар байни славянҳои қадим)*

волхвова́ть *несов. уст.* соҳирӣ (ҷодугарӣ) кардан

волча́нка *ж мед.* бодхӯрда *(яке аз навъҳои сили пуст)*

волче́ц *м бот.* ғишша

во́лч||ий, -ья, -ье 1. гургӣ, ...и гург; **~ий след** паи гург 2. ...и пӯсти гург; **~ья ша́пка** телпаки пӯсти гург 3. *перен.* бисьёр сахт, бад; **~ьи зако́ны** қонунҳои бисьёр сахт; **~ья зло́ба** кинаи бад ◇ **~ий аппети́т** иштиҳо карнай барин; иштиҳои козгир; **~ий биле́т (па́спорт)** *уст.* билети сиёҳ *(дар Россияи подшоҳӣ ҳуҷҷате буд, ки соҳиби он ҳақ надошт дар идораҳои давлатӣ кор кунад ва ё дар мактаби олӣ таҳсил намояд)*; **~ья пасть** даҳани гург *(иллати модарзоди ҷоғ ва ком, ки дар натиҷаи он даҳан то таги бинӣ кушода мемонад)*; **~ьи я́годы** ангури сагаки захрдор; **~ья я́ма** 1) *охот.* чохи гург (дом); 2) *воен.* чоҳи хаспуши мехдор

волчи́ха *ж прост. см.* **волчи́ца**

волчи́ца *ж* гурги мода, модагург

волчко́м *нареч.*: **верте́ться ~** 1) ғирғирак барин чарх задан 2) бисьёр ва тез кор кардан

волчо́к *м (игрушка)* ғирғирак

волчо́нок *м* гургбача

волше́бник *м* ҷодугар, соҳир, афсунгар, найрангбоз ◇ **маг и ~** *шутл.* муъҷизакор, моҳир ва кодир

волше́бница *ж* соҳира, занаки ҷодугар

волше́бный, -ая, -ое 1. ...и ҷодугарӣ, ...и соҳирӣ, ...и найрангбозӣ, ҷодугарона, афсунгарона 2. *перен.* фаттон, мафтункунанда, дилрабо, дилбар ◇ **~ фона́рь** *уст.* фонуси (аппарати) проекционӣ *(асбобе, ки дар экран суратеро калон карда нишон медиҳад)*

волшебство́ *с* 1. ҷодугарӣ, соҳирӣ, афсунгарӣ, найрангбозӣ 2. *перен.* фатонат, ҷазобат, дилрабой, дилфиребӣ, дилбарӣ

волы́нить *несов. прост.* кашолакорӣ (дулоб) кардан, қасдан кореро ба таъхир андохтан

волы́нк||а *ж* 1. найанбон *(сурнаи машкдор)* 2. *прост.* кашолакорӣ, сусткорӣ; **тяну́ть ~у** сусткорӣ кардан

волы́нщик *м* 1. найанбоннавоз 2. *прост.* кашолакор, коғазбоз, дулобкор

вольго́тно *нареч. разг.* озодона, осуда; **~ жить** осуда зистан

вольго́тный, -ая, -ое (вольго́т|ен, -на, -но) *разг.* озодона, осуда, осоишта

волье́р *м*, **волье́ра** *ж* қафас; катак

во́льн||ая *ж ист.* хати сафед, хати озодӣ *(ҳуҷҷате, ки бо он крепостной озод карда мешуд)*; **дать кому́-л. ~ую** ба касе хати сафед додан

во́льница *ж* 1. *собир. ист.* вольница *(дар замони қадим — гурӯҳи аҳолӣ, бештар крепостнойҳои гуреза, ки дар канорҳои давлати Москва муқим мешуданд)*; **каза́чья ~** вольницаи казакон 2. *м, ж разг.* худсар, худраъй, шӯх

во́льничать *несов. разг.* худсарӣ кардан, рафтори худсарона кардан

во́льно 1. *нареч.* озодона, бемалол, сабук; **~ вести́ себя́** бемалол рафтор кардан 2. *(команда)* вольно ◇ **~ и́ли нево́льно** хоҳӣ-нахоҳӣ

вольно́ *в знач. сказ. кому с неопр. разг.* ихтиёр доштӣ (доштед, дошт ва. ғ); охир, ...-ку *(ба касе гуфта мешавад, ки дар ягон бобат гунаҳкор бошад)*; **~ вам бы́ло не слу́шать** гӯш мекардед мешуд-ку

вольноду́мец *м уст.* озодфикр

вольноду́мн||ый, -ая, -ое (вольноду́м|ен, -на, -но) *уст.* озодфикрона; **~ые стихи́** шеърҳои озодфикрона

вольноду́мство *с уст.* озодфикрӣ

вольнолюби́в||ый, -ая, -ое (вольнолюби́в, -а, -о) озодихоҳ, озодипараст, озодидӯст(она); **~ый наро́д** халқи озодихоҳ; **~ые стихи́** шеърҳои озодидӯстона

вольномы́слие *с книжн.* равшанфикрӣ, озодфикрӣ

вольнонаёмный, -ая, -ое 1. кироя 2. хизматгузори ғайринизомии идораи ҳарбӣ

вольноопределя́ющийся *м уст.* аскари ихтиёрӣ *(дар армияи подшоҳӣ — касе, ки бинобар маълумотнок буданаш дар адои хизмати аскарӣ баъзе имтиёзҳо дошт)*

вольноотпу́щенник *м ист.* ғуломи (крепостнои) озодшуда

вольноотпу́щенный, -ая, -ое *ист.* озодшуда *(ғулом ё крепостной)*

вольнослу́шатель *м* дарсшунав, сомеъ *(касе, ки расман донишҷӯ набошад ҳам, ҳақ дорад дарс шунавад ва имтиҳон супорад)*

во́льност||ь *ж* 1. *уст. (свобода)* озодӣ, ҳуррият, истиқлолият 2. густохӣ, беадабӣ, бетакаллуфӣ; **позволя́ть себе́**

~ и беадабӣ кардан 3. *(отступление от нормы)* бебокӣ, ҷуръат 4. *уст.* *(льгота)* имтиёз, сабукӣ

во́льн||ый, -ая, -ое (во́|лен, -льна́, -льно) 1. *тк. полн. ф.* озод(она), соҳибихтиёр, мустақил, мухтор; **~ый челове́к** одами озод; **~ые иде́и** ғояҳои озодона 2. *тк. полн. ф. уст. прост.* *(не крепостной)* озод; озодшуда 3. *тк. кр. ф. с неопр., в чём* соҳибихтиёр; **он во́лен в свои́х посту́пках** у дар рафтори худ соҳибихтиёр аст 4. бетакаллуф(она), густох(она), бебок(она); **~ое обраще́ние** муомилаи бетакаллуфона 5. *тк. полн. ф.* *(не стеснённый законами)* озод, кушода; **~ая прода́жа хле́ба** фуруши озоди ғалла 6. *тк. полн. ф. уст.* *(частный)* хусусӣ, ғайридавлатӣ ◇ **~ая вода** оби кушод; **~ый го́род** шаҳри мухтор *(шаҳри асрҳои миёна, ки аз ҳокимияти феодалҳо озод буд)*; **~ые движе́ния** *спорт.* варзиши озод; **~ый жар (дух)** тафи (тафти) бе лахча, тафи печи гарм кардашуда; **~ый каза́к, ~ая пти́ца** марди озод (соҳибихтиёр); **~ый перево́д** тарҷумаи озод; **~ый стих** шеъри озод; **на ~ом во́здухе** 1) *(вне помещения)* берун, беруни хона 2) *(вне города)* дар беруни шаҳр, дар ҳавои кушод; **по ~ому на́йму** ба ихтиёри худ

вольт I *м физ.* вольт *(воҳиди ченаки шиддати қувваи электр)*

вольт II *м спорт.* 1. вольт *(даврзанӣ ҳангоми машқи саворагардӣ)* 2. чапғалат

во́льта *ж* вольта *(матои сабуки пахтагин)*

вольта́ж *м* вольтаж *(номи кухнашудаи шиддати қувваи электр, ки бо вольт ифода шудааст)*

вольта́метр *м* вольтаметр *(асбоби санҷиши қувваи электр аз рӯи таъсири химиявии он)*

вольт-ампе́р *м* вольт-ампер *(воҳиди иқтидори электр, ки баробари як ватт аст)*

вольте́ровск||ий, -ая, -ое: **~ое кре́сло** *уст.* курсии вольтерӣ *(курсии паҳлудори пушташ баланд)*

вольтерья́нец *м ист.* пайрави Вольтер

вольтерья́нство *с ист.* вольтерчигӣ *(дар охири асри 18 — аввали асри 19 озодфикрие, ки бо назарияҳои фалсафии Вольтер вобаста буд)*

вольтижёр *м* вольтижёр *(чопандозе, ки дар болои аспи тозон муаллақ мезанад ва дигар ҳунарҳо нишон медиҳад)*

вольтижи́ровать *несов.* вольтижировка кардан

вольтижиро́вка *ж* вольтижировка *(ҳунарнамоӣ дар болои аспи тозон)*

вольтме́тр *м* вольтметр *(асбоби ченаки шиддати қувваи электри байни ду нуқтаи силсилаи электр)*

вольфра́м *м* вольфрам *(элементи химиявӣ, металл)*

вольфрами́т *м* вольфрамит *(маъдани вольфрам, масолеҳ барои истеҳсоли пулоди сахт)*

вольфра́мовый, -ая, -ое вольфрамӣ, ...и вольфрам

волюнтари́зм *м филос.* волюнтаризм *(ақидаи фалсафаи идеалистӣ, ки иродаро қувваи асосии инкишофи ҳастӣ мешуморад, қонуниятӣ объективиро дар табиат ва ҷамъият инкор мекунад)*

волюнтари́ст *м* волюнтарист, пайрави волюнтаризм

волюнтаристи́ческий, -ая, -ое волюнтаристи, ...и волюнтаризм, волюнтаристона

волюнтари́стский, -ая, -ое ...и волюнтарист

во́л||я *ж* 1. ирода, ихтиёр; **си́ла ~и** қувваи ирода; **твёрдая ~я** иродаи матин 2. талаб, орзу, хоҳиш, ком; **~я наро́да** хоҳиши халқ; **испо́лнить чью-л. ~ю** хоҳиши касеро ба ҷо овардан 3. озодӣ; **вы́пустить пти́цу на ~ю** паррандаро озод кардан (сар додан) 4. *уст. прост.* озодшавӣ аз ҳуқуқи крепостноӣ 5. *в знач. нареч.* **во́лей, во́лею** *прост.* бо ихтиёри худ, бидуни маҷбурият ◇ **~я ва́ша** ихтиёратон, майлатон, ихтиёр доред, ихтиёр дар дасти бахтиёр; **~ею су́деб** *книжн.* тасодуфан, гардиши фалак, аз қазо; **на ~е** *прост.* берун, дар берун, дар ҳавои тоза; **на ~ю** *прост.* берун, ба берун, ба ҳавои тоза; **с ~и** *прост.* аз берун; **по до́брой ~е** бо ихтиёри худ, ихтиёран; **после́дняя ~я** хоҳиши охирин, васият, васияти вопасин; **лю́ди до́брой ~и** одамони поквиҷдон (некирода); **брать (взять) ~ю** *над кем-чем* худсарона рафтор кардан; **дать ~ю кому́-л.** касеро ба ихтиёраш мондан (монондан); **дать ~ю** *чему* сар додан; **дать ~ю чу́вствам** иноии ҳиссиётро сар додан; **дать ~ю слеза́м** гиръя карда сар додан; **дать ~ю рука́м** 1) даст задан, даст расондан, даст дароз кардан 2) куфтан, задан, занозанӣ кардан

вон I *нареч. разг.* 1. берун, ба берун; **вы́гнать ~** берун рондан, ҳай кардан, пеш кардан; **вы́нести ~ из ко́мнаты** аз хона берун баровардан 2. *в знач. межд.* дур шав, гум шав, дафъ шав, нест шав; **~ отсю́да!** гум шав! ◇ **дух ~ [у (из) кого́-л.]** *прост.* ҷонаш баромад; **из ума́ (из головы́, из па́мяти) ~** аз хотир баромад, фаромуш шуд; **из рук ~ пло́хо** бисьёр бад, аз ҳад зиёд ганда; бади бад, гандаи ганда; **из ря́да ~ выходя́щий** ғайриоддӣ, фавқулодда; **из ко́жи ~ лезть** бисьёр кушиш карда ҷон коҳондан (кандан)

вон II *частица разг.* 1. *указ.* ҳу ана, мана; **~ та дере́вня** ҳу ана он деҳа 2. *усил.* ана; **~ ты куда ме́тишь!** ана ту чӣ мақсад доштай!; **~ ты како́й оби́дчивый!** ана ту чӣ хел зудранҷ будаӣ! ◇ **во́н [оно́] что!** ана гап дар куҷо будааст!; ҳамин тавр гуед!

во́на I *частица прост. см.* вон II

во́на II *ж* *(денежная единица)* вона *(воҳиди пули Республикаи Халқии Демократии Корея)*

вонза́ть *несов. см.* **вонзи́ть**

вонза́ться *несов.* 1. *см.* **вонзи́ться;** 2. *страд.* халонда шудан

вонзи́ть *сов. что* халондан, фурӯ халондан; **~ жа́ло** неш задан; **~ кинжа́л** ханҷар задан; **~ ко́гти** чангол (чанг) задан

вонзи́ться *сов.* халидан

вони́ща *ж прост.* буи бисьёр бад, уфунат

вонь *ж разг.* бӯи бад, бадбӯй, тааффун

вонючи́й, -ая, -ее (вонюч, -а, -е) *разг.* бадбӯй, бӯин, мутааффин

вонючка *ж* 1. *зоол.* миримушон, муши хурмо *(як хел ҳайвон аз ҷинси қашқалдоқ, ки аз вай буи бисьёр бад меояд)* 2. *бот.* хинги бадбуй

воня́ть *несов. разг.* бӯи бад баровардан, буй додан, бӯйнок шудан, тааффун кардан

воображае́м||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тасаввуршаванда, қобили тасаввур 2. *прил.* хаёлӣ, тасаввурӣ, мавҳум; **~ая ли́ния** хатти хаёлӣ

вообража́ть *несов. см.* **вообрази́ть** ◇ **~ о себе́** худписандӣ (калонтароӣ) кардан, аз худ болидан

вообража́ться *несов. см.* **вообрази́ться**

воображе́ни||е *с* 1. тасаввурот, хаёлот; **живо́е ~е** тасаввури зинда 2. *разг.* хаёл, ваҳм; **игра́ ~я** хаёли хом

вообраз||и́ть *сов. кого-что* 1. *(представить себе)* тасаввур кардан 2. *(счесть)* хаёл кардан, хаёли хом кардан 3. *повел.* **вообрази́(те)** чӣ мегуӣ (мегуед), ки...; инро бин(ед), **ки... ~й, он меня́ не узна́л** чӣ мегуӣ, ки у маро нашинохт

вообрази́ться *сов. безл.* тасаввур шудан, ба хаёл гузаштан, ба хотир омадан

вообще́ *нареч.* 1. умуман; **~ о[н] прав** умуман ҳақ ба ҷониби ӯст 2. доимо, ҳамеша, мудом; **он ~ тако[й]** вай доимо ҳамин хел аст 3. *(совсем)* ҳеҷ, асло; **я ~ не пойду́** ман асло намеравам ◇ **~ говоря** *вводн. сл.* умума гуем, умуман, руи ҳамрафта

воодушеви́ть *сов. кого-что* рӯҳбаланд кардан, рух бахшидан, илҳом додан; **~ на по́двиг** ба корнома рӯҳбаланд кардан

воодушеви́ться *сов.* рӯҳбаланд шудан, рух (илҳом) гирифтан, ба ваҷд омадан

воодушевле́ние *с* *(по знач. гл.* **воод[у]шеви́ть)** рӯҳбаландкунӣ, илҳомдиҳ[ӣ] *(по знач. гл.* **воодушеви́ться)** рӯҳб[а]ландӣ, рӯҳбаландшавӣ, илҳом; **гов[о]ри́ть с ~м** бо ваҷд сухан рондан

воодушевлённый, -ая, -ое 1. *при[ч.]* рӯҳбаланд кардашуда, илҳом додаш[у]да 2. *прил.* рӯҳбаланд, илҳомгири[фа]та, баваҷдомада

воодушевля́ть *несов. см.* **воодуш[е]ви́ть**

воодушевля́ться *несов.* 1. *см.* **воод[у]шеви́ться;** 2. *страд.* рӯҳбаланд кар[да] шудан

вооружа́ть *несов. см.* **вооружи́ть**

вооружа́ться *несов.* 1. *см.* **вооружи́[ть]ся;** 2. *страд.* мусаллаҳ (яроқдо[р]) карда шудан

вооруже́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **во[о]ружи́ть)** мусаллаҳ (яроқнок) кардан(и) таҷҳизонидан(и); *(по знач. гл.* **воор**

жи́ться) мусаллаҳшавӣ, яроқнокшавӣ; **техни́ческое** ~е **предприя́тия** таҷҳизонии техникии корхона 2. аслиҳа, яроқ, силоҳ; **стратеги́ческое** ~е аслиҳаи стратегӣ; **сокраще́ние** ~й кам кардани яроқ; **го́нка** ~й мусаллаҳшавии бошитоб 3. *(совокупность приспособлений)* таҷҳизот, асбобу анҷом

вооружённость *ж* 1. бо яроқ таъмин будан(и), яроқнок (мусаллаҳ) будан(и), аслиҳадорӣ 2. аз таҷҳизот (аз масолеҳ) таъмин будан(и); **техни́ческая** ~ **се́льского хозя́йства** аз таҷҳизоти техникӣ таъмин будани хоҷагии қишлоқ

вооружённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* мусаллаҳ (яроқнок) кардашуда; таҷҳизонидашуда 2. *прил.* мусаллаҳ, яроқнок; ~**ый отря́д** отряди мусаллаҳ; ~**ые си́лы** қувваҳои мусаллаҳ 3. *прил.* бо яроқ, бо аслиҳа, яроқ дардаст; ~**ое нападе́ние** ҳамлаи бо яроқ 4. *прил. перен.* соҳиб, доро, дошта; ~**ый зна́ниями** соҳибмаълумот; ~**ый до зубо́в** сар то по яроқнокшуда

вооружи́ть *сов. кого-что* 1. мусаллаҳ (яроқнок, яроқдор, аслиҳадор) кардан; ~ **а́рмию** армияро мусаллаҳ кардан 2. *чем* таъмин кардан, таҷҳизонидан; ~ **промы́шленность совреме́нной те́хникой** саноатро бо техникаи ҳозиразамон таҷҳизонидан 3. *чем перен.* мусаллаҳ кардан, омузонидан; ~ **передово́й тео́рией** бо назарияи пешқадам мусаллаҳ кардан 4. *против кого-чего перен.* муқобил (зид) кунондан, душман кунондан

вооружи́||ться *сов.* 1. мусаллаҳ (яроқнок, яроқдор, аслиҳадор) шудан 2. *чем* захира кардан; ба даст гирифтан; **мы** ~**лись у́дочками** мо шаст ба даст гирифтем 3. *чем перен.* мусаллаҳ шудан, ҳосил (пайдо) кардан; ~**ться зна́ниями** дониш ҳосил кардан 4. *против кого-чего перен.* муқобил (зид) баромадан ◇ ~**ться терпе́нием** сабру тоқат пеша кардан

вооч́ию *нареч. книжн.* 1. бо чашми худ, баръало, айнан; **уви́деть** ~ бо чашми худ дидан 2. дар амал, амалан; **убеди́ться** ~ *в чём-л.* дар амал боварӣ ҳосил кардан

во-пе́рвых *вводн. сл.* якум, аввалан, якум ин, ки...

вопи́ть *несов. разг.* фарьёд задан, дод (вой) гуфтан; фиғон кашидан

вопию́щ||ий, -ая, -ее тоқатнопазир, гӯшношунид; ~**ее противоре́чие** зиддияти гӯшношунид ◇ **глас** ~**его в пусты́не** *книжн.* замин сахту осмон баланд

вопи||я́ть *несов. высок.* дод гуфтан, фарьёд задан, талаб кардан; ~**я́ть о мще́нии** доди никор задан ◇ **ка́мни** ~**ю́т** замину замон ба дод омадаанд

воплоти́ть *сов. что* ифода кардан, таҷассум кунондан, муҷассам кардан, ба вуҷуд овардан, ба амал татбиқ кардан, ба амал гузарондан; ~ **за́мысел в но́вом произведе́нии** мақсадро дар асари нав ифода кардан; ~ **в жизнь** ба амал овардан, ба ҳаёт татбиқ кардан; ~ **в себе́** таҷассуми *чизе* будан

воплоти́ться *сов.* муҷассам шудан, таҷассум ёфтан, ба вуҷуд омадан, ба амал омадан, ҷомаи амал пӯшидан

воплоща́ть *несов. см.* **воплоти́ть**

воплоща́ться *несов.* 1. *см.* **воплоти́ться**; 2. *страд.* муҷассам карда шудан, ба амал гузаронда шудан

воплоще́ние *с* (*по знач. гл.* **воплоти́ть**) таҷассум; (*по знач. гл.* **воплоти́ться**) муҷассамшавӣ, таҷассумьёбӣ

воплощённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* муҷассам кардашуда, ба вуҷуд овардашуда, ба амал татбиқ кардашуда 2. *прил.* муҷассам, комил; **он** — ~**ая че́стность** вай таҷассуми поквиҷдонист

вопль *м* дод, нола, доду фарьёд; фиғон, оҳу афғон, шеван

вопреки́ *предлог с дат.* ба муқобили..., бар хилофи..., бар акси..., ба... нигоҳ накарда, қатъи (сарфи) назар аз; ~ **жела́нию** бар хилофи хоҳиш

вопро́с *м* 1. суол, савол, пурсиш; **зада́ть** ~ савол додан, пурсидан; **обрати́ться с** ~**ом** савол додан; **отве́тить на** ~ ба савол ҷавоб додан; **засы́пать** ~**ами** саволборон кардан 2. *(проблема)* масъала, мавзуъ; **обсуди́ть како́й-л.** ~ ягон масъаларо муҳокима кардан; **оста́вить** ~ **откры́тым** масъаларо кушода (ҳал накарда) мондан 3. *(дело)* кор, гап; **э́то** ~ **вре́мени** барои ин кор фақат вақт лозим аст; **обрати́ться по ли́чному** ~**у** бо кори шахсӣ мурочиат кардан 4. *мн.* (В) Масъалаҳо; **Вопро́сы исто́рии** Масъалаҳои таърих ◇ ~ **жи́зни и сме́рти** масъалаи ҳаёту мамот; **больно́й** ~ масъалаи нозук; **ко́свенный** ~ *грам.* саволи бавосита; **прямо́й** ~ *грам.* саволи бевосита; **под [больши́м]** ~**ом** дар гумон; **поста́вить** ~ **ребро́м** масъаларо қатъӣ (кундаланг) гузоштан; **ста́вить под** ~ ба зери шубҳа гирифтан (мондан), шубҳа кардан; **что за** ~? дар ин чӣ шак?; **э́то ещё** ~ ин ҳоло (ҳануз) маълум нест

вопроси́тельн||ый, -ая, -ое саволӣ, ...и савол; ~**ый взгляд** нигоҳи саволомез; ~**ый знак** аломати савол; ~**ое местоиме́ние** *грам.* ҷонишини саволӣ

вопроси́ть *сов. см.* **вопроша́ть**

вопро́сник *м* саволнома

вопро́сный, -ая, -ое саволӣ, саволдор; ~ **лист** саволнома

вопроша́ть *несов. кого и без доп. уст.* пурсидан, савол додан (кардан)

вопроша́ющий, -ая, -ее 1. *прич. уст.* пурсанда 2. *прил.* саволӣ, ...и савол, саволомез; ~ **взгляд** нигоҳи саволомез

вор *м* 1. дузд; **карма́нный** ~ кисабур; **держи́те** ~а! дуздро гиред! (қапед!, доред!) 2. *уст. (изменник, злодей)* хоин ◇ **на** ~**е ша́пка гори́т** *погов.* ≈ хонаи дузд сухт; **не по́йман — не** ~ *посл.* ≈ дузди ногирифта — подшоҳ аст

во́рвань *ж уст.* пиҳ *(равғани махсус, ки аз чарбу ва ҷигари ҳайвонoти баҳрӣ об карда гирифта мешавад)*

ворва́||ться *сов.* зер карда (зада) даромадан, якбора даромадан; ~**ться в око́пы проти́вника** ба хандақҳои душман зада даромадан; **в окно́** ~**лся све́жий ве́тер** аз тиреза якбора ҳавои тоза даромад

воркова́нье *с* (*по знач. гл.* **воркова́ть**) қур-қур (вуқур-вуқур) кардан(и); *(звуки)* қур-қур, вуқур-вуқур

воркова́ть *несов.* 1. қур-қур (вуқур-вуқур) кардан *(оид ба кабутар)* 2. *перен. шутл. ирон.* чақ-чақ кардан

воркотня́ *ж разг.* ғур-ғуркунӣ, ғур-ғур, ғиринг-ғиринг

ворку́н *м* ғуррок *(як ҷинси кабӯтар)*

воробе́й *м* гунҷишк, чумчуқ ◇ **стре́ляный (ста́рый)** ~ гурги боронидида, мурғи домдида; **сло́во не** ~ — **вы́летит, не пойма́ешь** *посл.* ≈ тир аз камон ҷаст — ҷаст, мурғ аз қафас раст — раст

воробе́йник *м бот.* сафаргиёҳ

воро́бушек, воро́бышек *м уменьш.-ласк. к* **воробе́й** гунҷишкча, чумчуқча, гунҷишкак

воробьи́н||ый, -ая, -ое 1. ...и гунҷишк; ~**ая ста́я** селаи гунҷишкон 2. *в знач. сущ.* **воробьи́ные** *мн. зоол.* гунҷишкон *(номи навъи паррандагон)* ◇ ~**ая ночь** 1) кутоҳтарин шаби тобистон 2) шаби серраъду барқ; **коро́че** ~**ого но́са** бисьёр кӯтоҳ, хеле кутоҳмуддат, мухтасар

воробьи́ха *ж разг.* гунҷишки мода

воро́ванн||ый, -ая, -ое дуздӣ, дуздида, дуздидашуда; ~**ые ве́щи** чизҳои дуздӣ

ворова́то *нареч.* 1. ҳилагарона, фиребгарона, бевиҷдонона, маккорона 2. дузд барин, бо эҳтиёт; ~ **огля́дываться** дузд барин чашм давондан

ворова́т||ый, -ая, -ое (ворова́т, -а, -о) 1. ҳилагар(она), фиребгар(она), маккор(она), бевиҷдон(она); ~**ый взгляд** нигоҳи ҳилагарона 2. *(осторожный)* эҳтиёткорона, боэҳтиёт; **идти́** ~**ой похо́дкой** эҳтиёткорона роҳ рафтан

ворова́ть *несов.* 1. *кого-что* дуздидан, дуздӣ кардан 2. *(заниматься воровством)* дуздиро касб кардан, бо дуздӣ машғул шудан; **он стал** ~ вай бо дуздӣ машғул шуд

воро́вка *ж* занаки дузд

воровски́ *нареч.* дузд барин, мисли дузд, дуздвор; пинҳонӣ; қаллобона

воровск||о́й, -а́я, -о́е дуздӣ, ...и дузд; ~**а́я ша́йка** дастаи дуздон; ~**о́й язы́к (жарго́н)** забони дуздон

воровств||о́ *с* дуздӣ; **простота́ ху́же** ~**а́** *погов.* гулӣ бадтар аз дуздист

во́рог *м обл. и фольк.* душман, хасм, адӯ

ворожба́ *ж (гадание)* фолбинӣ; *(колдовство)* афсунгарӣ, соҳирӣ

вороже́я *ж* фолбинзан; ҷодугарзан, афсунгар, занаки гармухунукчӣ

ворожи́||ть *несов. (гадать)* фолбинӣ кардан; *(колдовать)* ҷоду (афсун) кардан ◇ **ба́бушка** ~**т** *кому* бучулаш мудом олчӣ

во́рон *м* зоғ, зоғи сиёҳ, шӯрнӯл ◇ ~ ~**у глаз не вы́клюет** *посл.* зоғ чашми зоғро намековад; ≈ забони мурғонро мурғон медонанд

ворóна *ж* 1. зоғи ало, калоғ 2. *перен. разг. (зевака)* даҳаньяла ◇ ~ **в павлиньих пёрьях** зоғи товусторош; **белая ~** зоғи ало; **ни пáва ни ~** на шайхи мазор, на дузди бозор; **считáть ворóн** 1) даҳаньяла будан; фурсат аз даст додан 2) бекор гаштан, танбалӣ кардан; **пýганая ~ [и] кустá бóится** *посл.* ≈ моргазида аз ресмони ало метарсад; **сóкол с мéста, ~ на мéсто** *посл.* зоғ ба ҷои шоҳин нишаст; ≈ гов хесту гӯсола хобид

вороие́ние *с* (*по знач. гл.* **ворони́ть**) саводкорӣ кардан(и)

воронёный *прич.* (воронён, -а, -о) саводкорӣ кардашуда

воронёнок *м* зоғбача

воронён||ый, -ая, -ое саводкоришуда; **~ая сталь** пӯлоди саводкоришуда

воронéц *м бот.* чинорак

ворóний, -ья, -ье ...и зоғ, аз они зоғ

ворони́ть *несов. что* саводкорӣ кардан

ворóнка *ж* 1. *(для жидкостей)* даҳана, қиф 2. *(от взрыва)* чуқурӣ

воронкообрáзный, -ая, -ое даҳанамонанд, қифшакл

вóронов, -а, -о зоғи, ...и зоғ ◇ **цвéта ~а крылá, как ~о крылó** пари зоғ барин сиёҳ, сиёҳи тӯс

вакти худ; **надо всё делать в своё ~** ҳар корро дар вақташ кардан лозим аст; **в скором времени** ба наздикӣ, ба қарибӣ, дар оянда наздик; **до поры до времени** то фурсате, то муддате, муваққатан; **до сего времени** то ҳол, то имрӯз, то ин вақт; **ко времени** ба вақташ, ба мӯҳлаташ; **на ~** ба муддате, муваққатан; **со временем** дар оянда, вақташ расад (ояд); **с течением времени** бо мурури замон; бо гузашти айём; **в то ~ как ...** дар вақте ки ..., **ва ҳол он ки...**; **~ — деньги** *посл.* фурсат ғанимат; дам ғанимат; **~ не ждёт** вақт ғанимат; **~ покажет** вақташ расад, маълум мешавад; **~ работает на нас** мурури вақт (замона) ба фоидаи мост; **~ терпит** ҳоло вақт (фурсат) ҳаст; **выиграть ~** вақтро ғанимат ёфтан (донистан); **убить ~** руздузӣ кардан, вақтро беҳуда сарф кардан; **аппетит приходит во ~ еды** *посл.* ≈ *иштиҳо — зери дандон*

времяисчисление *с* тақвим, солшуморӣ

времянка *ж разг.* 1. *(лестница)* нардбонча 2. *(временная печка)* печкачаи амонат 3. *(временная дорога)* роҳи муваққатӣ 4. *(временная постройка)* хонаи муваққатӣ

времяпрепровождение *с* вақтгузаронӣ, рузгузаронӣ

времяпровождение *с разг. см.* **времяпрепровождение; пустое ~** вақтгузаронии беҳуда

вретище *с уст.* либоси чиғда-чиғда, жулхундӣ, жанда

вровень *нареч. с чем* баробар, лаб ба лаб; **~ с краями** лабрез

вроде *предлог с род.* мисли..., монанди..., -монанд, барин, гӯё; **углубление в скале ~ ниши** чуқурии токчамонанди харсанг

врождённость *ж* модарзодӣ, модарзод будан(и); **~ инстинктов** модарзод будани савқи табиӣ

врождённый, -ая, -ое (врожд|ён, -ена, -ено) модарзод, сириштӣ, фитрӣ; **~ талант** истеъдоди фитрӣ

врозь *нареч.* 1. чудогона, чудо; **жить ~** чудогона зистан 2. ба ҳар тараф, ба тарафҳои гуногун; **дула орудий смотрели ~** мили тӯпҳо ба ҳар тараф нигоҳ мекард ◇ **дружба ~** дӯстӣ барҳам хӯрд; **дело идёт ~** кор бебор нагирифта истодааст

вруб *м горн.* шикофа *(сӯрохи сунъии ... ҷинсҳои кӯҳӣ, ки бо таркиш ... вуҷуд оварда шудааст ва кандани ... осон мекунад)*

врубание *с см.* **врубка**

врубать *несов. см.* **врубить**

врубаться *несов.* 1. *см.* **врубиться;** 2. *страд.* рахна карда шинонда шудан

врубить *сов. что* рахна карда шинондан, сӯрох карда ниҳодан; **~ в бревно колышек** ба ғӯла фона задан

врубиться *сов.* 1. бурида гузаштан, ... даромадан; **~ в чащу леса** ... тонро бурида ба даруни беша ... омадан // *перен.* дарронда даромадан; **~ в неприятельские ряды** сафи ... душманро дарронда даромадан 2. *горн.* шикофа сохтан; **~ в каменную породу** дар санги маъдан шикофа сохтан

врубка *ж* 1. *(по знач. гл.* **врубить)** рахна карда шинондан(и); *(по знач. гл.* **врубиться)** шикофа сохтан(и) 2. *стр.* ғулабандӣ

врубмашина *ж* (врубовая машина) мошини маъданкан

врубмашинист *м* коргари мошини маъданкан

врубовка *ж разг. см.* **врубмашина**

врубов||ый, -ая, -ое *горн.* ...и шикофасозӣ, ...и маъданканӣ; **~ая машина** мошини маъданканӣ

врукопашную *нареч.* даст ба гиребон, тан ба тан, танҳо ба танҳо; **драться ~** тан ба тан ҷангидан

врун *м разг.* дурӯғгӯй

врунья *женск. к* **врун**

вручать *несов. см.* **вручить**

вручаться *несов. страд.* супурда (дода) шудан

вручение *с (по знач. гл.* **вручить)** супориш, супурдан(и), додан(и)

вручитель *м уст.* супоранда, диҳанда; **~ письма** супорандаи мактуб

вручить *сов. кого-что прям., перен.* супурдан, додан; **~ орден** орден супурдан (додан); **~ свою судьбу кому-л.** тақдири худро ба дасти касе супурдан

вручную *нареч.* дастакӣ, дастӣ; **обработка деталей ~** дастӣ тайёр кардани деталҳо (қисмҳо)

вруша *м, ж прост. см.* **врун, врунья**

врывать *несов. см.* **врыть**

врываться I *несов.* 1. *см.* **врыться;** 2. *страд.* кофта шинонда шудан

врываться II *несов. см.* **ворваться**

врыть *сов. что* заминро кофта шинондан, хандақ канда чойгир кардан, гӯрондан, гӯр кардан

врыться *сов.* заминро кофта даромадан; **пехотинцы врылись в землю** аскарони пиёда хандақ канда чо шуданд

вряд ли *частица разг.* ба (дар) гумон аст, ба гумон; **~ что-нибудь изменится** ба гумон, ки чизе тағьир ёбад; **~ будет дождь** боридани борон дар гумон аст

вс= *приставка (префиксе, ки ба ҷои «вз=» пеш аз ҳамсадоҳои беҷаранг кор фармуда мешавад)*: **вскипеть** ҷӯшидан, ба ҷӯш омадан; *см. тж.* **вз**=

всадить *сов. что* 1. халондан, задан, даровардан; **~ нож** корд задан (халондан); **~ кол** мехчӯбро зада даровардан 2. задан, андохтан; **~ пулю в стену** тир ба девор задан 3. *перен. прост.* сарф (харҷ) кардан, равондан; **~ все свои деньги в покупку** ба ҳамаи пули худ харид кардан

всадиться *сов. разг.* халидан, даромадан

всадник *м* 1. савор, савора 2. *мн.* **всадники** *ист.* аспсаворон *(дар Афина ва Рими Қадим ҷанговари савора ва баъдтар табақаи миёнаи аҳолӣ, ки аз ҷумлаи онҳо лашкари савора таъсис меёфт)*

всадница *женск. к* **всадник** I

всаживать *несов. см.* **всадить**

всаживаться *несов.* 1. *см.* **всадиться;** 2. *страд.* халонда шудан, даровардa шудан

всасывание *с (по знач. гл.* **всосать)** макиш, ҷаббиш

всасывательн||ый, -ая, -ое ...и ба худ кашидан(и), ...и ҷаббидан(и); бахудкашанда, ҷаббанда; **~ая трубка** найчаи бахудкашанда

всасывать *несов. см.* **всосать**

всасываться *несов.* 1. *см.* **всосаться;** 2. *страд.* ба худ кашида шудан, макида шудан, ҷаббида шудан

все *мн. от* **весь** I

все= *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *вусъати сифат ё амал* — **всеобъемлющий** ҳамаро фарогиранда; **всеядный** ҳамачизхур, ҳарчизхӯранда 2) *ғояти сифат* — **всесильный** тавоно, пуриқтидор

всё 1 *с от* **весь** I

всё II *нареч. разг.* 1. ҳамеша, доимо, пайваста; **он ~ читает** вай доимо мехонад 2. *(до сих пор)* ҳоло ҳам, ҳанӯз ҳам, то ҳол; **дождь ~ идёт** борон ҳоло ҳам меборад 3. *(только, исключительно, именно)* ҳама, фақат; **это ~ из-за тебя** фақат аз барои ту шуда 4. *в знач. усил. частицы* пештара барин, мисли пештара; **~ в том же состоянии** дар ҳолати пештара; **~ так же бодр** пештара барин зиндадил аст 5. *в знач. против. союза разг. (всё-таки)* бо вуҷуди ин (он), ҳар чӣ бошад, аммо, вале, лекин; **постарайтесь заснуть, ~ ночь быстрее пройдёт** кӯшиш кунед, ки хоб равед, ҳар чӣ бошад, шаб тез мегузарад ◇ **~ ж, ~ же** дар ҳар ҳол, маълум мешавад ки...; **~ же я был прав** *ба ҳар ҳол ман ҳақ будам*

всеведение *с уст. высок., теперь ирон.* ҳамадонӣ, маҳмаддоной

всеведущий, -ая, -ее *уст. высок., теперь ирон.* ҳамадон, маҳмаддоно

всевидящ||ий, -ая, -ее *книжн. и ирон.* ҳамабин, ҳамаро бинанда, басир; **~ее око** чашми ҳамабин

всевластие *с* ҳокимияти мутлақа

всевластный, -ая, -ое (всевласт|ен, -на, -но) ...и ҳокими мутлақ

всевобуч *м* (всеобщее военное обучение) таълими умумии ҳарбӣ

всевозможн||ый, -ая, -ое ҳар хел, ҳар навъ, ҳар ранг, гуногун; **~ые товары** молҳои гуногун; **~ые расцветки** ҳар хел рангҳо, рангҳои гуногун; **на ~ые лады** ба ҳар мақом

всеволновый, -ая, -ое *радио* ҳамамавҷа; **~ приёмник** приёмники ҳамамавҷа

всевышний, -яя, -ее *рел.* 1. ...и худо 2. *в знач. сущ.* **всевышний** *м* худо

всегда *нареч.* ҳамеша, ҳама вақт, доим, доимо, мудом; **он ~ весел** ӯ ҳамеша шод аст

всегдашний, -яя, -ее доимӣ, ҳамавақта, одатӣ, ҳамешагӣ

всего *нареч.* 1. *(итого)* ҳамагӣ, ҷамъ; **~ сто рублей** ҷамъ сад сӯм 2. *в знач. усил. частицы (только, лишь)*

фақат, танҳо; прошёл ~ год фақат як сол гузаштааст ◇ ~-навсего фақат, ҷамъулҷамъ, ҳамагӣ, ...бас; ~ ничего хеле кам, қариб ҳеҷ чӣ; только и ~ фақат ҳамин, вассалом, буду шудаш ҳамин

в-седьмых *вводн. сл.* ҳафтум

всезнайка *м, ж разг. ирон.* ҳамадон, худдонам, маҳмаддоно, аклак

всезнайство *с разг. ирон.* худдонамӣ, маҳмаддоноӣ

всезнающий, -ая, -ее *книжн. и ирон.* ҳамадон, маҳмаддоно

вселение *с* (*по знач. гл.* **вселить** 1) манзил (ҷо) додан(и); (*по знач. гл.* **вселиться** 1) ҷой гирифтан(и), сокиншавӣ, мутамаккиншавӣ

вселенн||ая *ж* 1. (*весь мир*) коинот, даҳр, фалакиёт; **строение ~ой** сохти коинот 2. (*земля*) ҷаҳон, олам, дуньё

вселенский, -ая, -ое *уст.* умумиҷаҳонӣ, ...и умуми ҷаҳон

вселить *сов.* 1. *кого-что* манзил (ҷо) додан, кучонда овардан, сокин кунондан, мутамаккин кардан 2. *что перен.* талқин кардан, ба вуҷуд овардан; ~ **надежду** умед бахшидан

всели||ться *сов.* 1. ҷой гирифтан, кӯчида омадан, сокин шудан, мутамаккин шудан 2. *перен.* пайдо шудан; **~лось подозрение** гумони бад пайдо шуд

вселять *несов. см.* **вселить**

вселяться *несов.* 1. *см.* **вселиться**; 2. *страд.* ҷо дода шудан, мутамаккин карда шудан

всемерно *нареч.* ҳартарафа, ҳарҷиҳата, ҳамаҷониба, аз ҳар ҷиҳат, бо ҳар восита; ~ **содействовать чему-л.** ба коре ҳартарафа ёрӣ расондан

всемерн||ый, -ая, -ое ҳартарафа, ҳарҷиҳата, ҳарҷониба; **оказывать ~ую помощь** ёрии ҳартарафа расондан

всемеро *нареч.* ҳафт бор, ҳафт карат, ҳафтчанд, ҳафт баробар

всемером *нареч.* ҳафткаса, ҳафт нафар, ҳафт кас шуда

всемирно-историческ||ий, -ая, -ое таърихии умумиҷаҳонӣ; **~ая роль пролетариата** роли таърихии умумиҷаҳонии пролетариат

всемирн||ый, -ая, -ое оламшумул, умумиҷаҳонӣ, ...и умуми ҷаҳон; **~ая известность** шуҳрати оламшумул; **~ая история** таърихи умуми ҷаҳон; **Всемирная федерация демократической молодёжи** Федерацияи умумиҷаҳонии ҷавонони демократ; **Всемирная федерация профсоюзов** Федерацияи умумиҷаҳонии иттифоқҳои касаба; **Всемирный Совет Мира** Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ

всемогущество *с* тавоноии том, қудрати беҳад, муқтадирӣ

всемогущ||ий, -ая, -ее (всемогущ, -а, -е) тавоно, қодир, пуриқтидор, муқтадир; **~ий властелин** ҳокими муқтадир; **~ее слово** сухани пуртаъсир

всенародно *нареч.* ба ҳамаи (ба тамоми) халқ, дар пеши ҳамаи халқ, дар ҳузури умум; ~ **объявить** ба тамоми халқ эълон кардан

всенародн||ый, -ая, -ое (всенарод|ен, -на, -но) умумихалқӣ, ...и умуми халқ; **~ое голосование** интихоботи умумихалқӣ; **~ое обсуждение** муҳокимаи умумихалқӣ; **~ый праздник** иди умумихалқӣ

всенощная *ж церк.* намози шомгоҳӣ (*дар дини насронӣ*)

всеобуч *м* (всеобщее обучение) таълими умумӣ

всеобщ||ий, -ая, -ее умумӣ, ...и умум; **~ая воинская обязанность** хизмати ҳарбии умумӣ; **~ее избирательное право** ҳуқуқи умумии интихобот; **~ее и полное разоружение** яроқпартоии умумӣ ва пурра; **~ий мир** сулҳи умумиҷаҳонӣ; **~ее обучение** таълими умумӣ; **~ее одобрение** эътирофи умум

всеобщность *ж* умумият

всеобъемлющий, -ая, -ее (всеобъемлющ, -а, -е) ҳамаро фарогиранда, ҳамаро дарбаргиранда, ҳамаҷониба

всеоружи||е *с*: **во ~и** 1) комилан мусаллаҳ шуда, пурра яроқнок шуда; **встретить врага во ~и** пурра яроқнок шуда бо душман ру ба ру шудан 2) пурра аз худ карда, аз ҳар ҷиҳат омода шуда, комилан тайёр шуда; **во ~и техники** техникаро пурра аз худ карда

всепобеждающ||ий, -ая, -ее зафаровар; музаффар, фатҳоин; **~ая сила любви** қудрати фатҳоини ишқ

всепоглощающий, -ая, -ее ҳамаро фурубаранда, ҳамаро фарогиранда

всепрощение *с уст.* мағфират

всероссийский, -ая, -ое умумироссиягӣ, ...и умуми Россия

всерьёз *нареч. разг.* ба таври ҷиддӣ, ҷиддан, ҷиддӣ; **взяться за дело** ~ ба таври ҷиддӣ ба кор сар кардан; **принять что-л.** ~ чизеро ҷиддӣ фаҳмидан (шумурдан)

всесветный, -ая, -ое *уст.* 1. (*всеобщий*) умумӣ, ...и тамоми ҷаҳон 2. (*всемирный*) умумиҷаҳонӣ, ...и тамоми дуньё

всесилие *с книжн.* тавоноӣ, муқтадирӣ

всесильный, -ая, -ое (всеси|лен, -льна, -льно) тавоно, пуриқтидор, муқтадир

всесокрушающий, -ая, -ее ҳамаро нобудкунанда (харобкунанда), хонумонсуз; ~ **ураган** туфони ҳамаро харобкунанда

всесоюзный, -ая, -ое умумииттифоқӣ, ...и Умуми Иттифоқ; **Всесоюзный съезд Советов** *ист.* Съезди Умумииттифоқии Советҳо; ~ **рекорд** рекорди умумииттифоқӣ

всесторонн||ий, -яя, -ее ҳартарафа, ҳамаҷониба, ҳарҷиҳата; **~ее воспитание личности** тарбияи ҳартарафаи шахс; **~ее обсуждение** муҳокимаи ҳамаҷониба; **~ее развитие** инкишофи ҳартарафа

всё-таки 1. *союз против.* (*тем не менее, однако*) бо вуҷуди ин (он), ба ҳар ҳол; қатъи (сарфи) назар аз он ки...; ~ **вы опоздали** ба ҳар ҳол шумо дер мондед 2. *частица* ҳар чӣ бошад ҳам, аммо, охир; ~ **хорошо в лесу осенью** ҳар чӣ бошад ҳам, тирамоҳи беша дилкушо аст; **где** ~ **моя папка?** охир, папкаи ман куҷост?

всеуслышание *с*: **во** ~ (**сказать, заявить, объявить**) ба ҳама шунавонда (бо овози баланд) гуфтан, ҷор кашидан, эълон кардан)

всецело *нареч.* тамоман, комилан, ба куллӣ; **я ~ на вашей стороне** ман комилан дар тарафи шумоям

всеядн||ый, -ая, -ое (всеяд|ен, -на, -но) ҳамаҷизхур, ҳарчизхуранда; **~ое животное** ҳайвони ҳамаҷизхур

вскакать *сов.* дартоз омадан (*савора*)

вскакивать *несов. см.* **вскочить**

вскапывать *несов. см.* **вскопать**

вскапываться *несов. страд.* кофта шудан, гардонда шудан

вскарабкаться *сов.* хазида (часпида) боло баромадан, печида баромадан

вскарабкиваться *несов. см.* **вскарабкаться**

вскармливание *с* (*по знач. гл.* **вскормить**) хурондан(и), маккондан(и); парвариш

вскармливать *несов. см.* **вскормить**

вскармливаться *несов. страд.* хуронда шудан; парвариш карда шудан

вскачь *нареч.* тозон-тозон, давон-давон, ҷорхез, дартоз; **лошади помчались** ~ аспҳо ҷорхез тохтанд

вскидка *ж см.* **вскидывание**

вскидывание *с* (*по знач. гл.* **вскинуть**) ҳаво додан(и), боло андохтан(и)

вскидывать *несов. см.* **вскинуть**

вскидываться *несов.* 1. *см.* **вскинуться**; 2. *страд.* ҳаво дода шудан, боло андохта шудан

вскинуть *сов. что* 1. ҳаво додан, партофтан, боло андохтан (партофтан); ~ **ружьё на плечо** милтиқро ба китф гузоштан 2. якбора боло кардан; ~ **голову** якбора сар боло кардан ◇ ~ **глаза** (**глазами**) чашм боло кардан, тез чашм андохтан

вскину||ться *сов.* 1. *разг.* тез боло баромадан; **высоко ~лось пламя** аланга тез боло зад; **конь ~лся** асп рост хест 2. *на кого-что перен. прост.* (*наброситься с упрёками, бранью*) сарзаниш кардан, дашном додан, часпидан, носазо гуфтан

вскипать *несов. см.* **вскипеть**

вскипе||ть *сов.* 1. ҷӯшидан, ба ҷуш омадан; **молоко ~ло** шир ҷӯшид 2. *перен.* хашмгин (ғазабнок) шудан, ба шур омадан

вскипятить *сов. что* ҷӯшондан

вскипяти||ться *сов.* 1. ҷӯшидан 2. *перен. разг.* ғазабнок (оташин, хашмгин) шудан; **чего ты ~лся?** ту ҷаро оташин шудӣ?

всклокочивать *несов. см.* **всклокочить**

всклокочиваться *несов.* 1. *см.* **всклокочиться**; 2. *страд.* пахмок карда шудан, ҷулонида шудан, фах карда шудан

всклокочить *сов. что разг.* ҷулида (пахмоқ) кардан, ҷулонидан фах кунондан (*мӯйро*)

всклокочиться *сов. разг.* ҷулида (пахмоқ) шудан, фах шудан (*оид ба мӯй*)

всколыхну́||ть *сов.* 1. *что* ҷунбондан, ба ҷунбиш (ба ҳаракат) овардан; **ветер ~л рожь** шамол ҷавдорро ба ҷунбиш овард 2. *кого-что перен.* ба ҳаракат овардан, ба ҳаяҷон овардан, музтариб кардан; **революция ~ла ма́ссы** революция оммаро ба ҳаракат овард

всколыхну́ться *сов.* 1. *(заколебаться)* ҷунбидан, ба ҷунбиш (ба ҳаракат) омадан 2. *перен.* ба ҳаракат омадан, ба изтироб омадан

вскользну́ть *сов. разг.* тез даромадан, нонамоён (ноаён) даромадан, номаълум дохил шудан

вскользь *нареч.* зимнан, дар байни гап; **упомяну́ть ~ о чём-л.** чизеро дар байни гап зикр кардан

вскопа́ть *сов. что* кофтан, каланд (побел) кардан, гардондан

вскоре *нареч.* ба зудӣ, ба тезӣ, дере нагузашта; **~ по́сле восхо́да со́лнца** аз тулуи офтоб дере нагузашта

вскорми́ть *сов. кого* 1. хурондан, макკондан, хуронда (макконда) калон кардан; **~ ребёнка гру́дью** кудакро макконда калон кардан 2. *перен. (воспитать)* парваридан

вскормленник *м уст.* парваришьёфта, парварда

вскорости *нареч. прост. см.* **вско́ре**

вскочить *сов.* 1. ҷаҳида (хез зада) баромадан; ҷаҳида (хез зада) даромадан; **~ на стул** ҷаҳида ба курсӣ баромадан; **~ на коня** ба асп савор шудан; **~ в вагон на ходу́** ҷаҳида ба вагони равон савор шудан 2. *(быстро подняться)* ҷаста (парида) хестан, парпанак зада хестан; **~ с ме́ста** аз ҷои худ ҷаста хестан 3. *перен. разг.* пайдо шудан, зада баромадан; **на носу́ вскочи́л пры́щик** дар руи бинӣ рихинак зада баромад ◇ **~ в копе́ечку** бисьёр қимат афтидан

вскрик *м* фарьёди (бонги) ногаҳонӣ; **все просну́лись от ~а** ҳама аз фарьёди ногаҳонӣ бедор шуданд

вскри́кивание *с (по знач. гл.* **вскри́кнуть)** фарьёдзанӣ, бонгзанӣ; *(звуки)* фарьёди (бонги) ногаҳонӣ

вскри́кивать *несов. см.* **вскри́кнуть**

вскри́кнуть *сов.* якбора дод гуфтан (фарьёд кардан), бонг задан

вскрича́ть *сов.* дод гуфтан, фарьёд задан

вскружить *сов. что:* **~ го́лову кому́-л.** дили касеро рабудан, сари касеро гаранг кардан

вскружи́||ться *сов.:* **~лась голова чья-л., у кого́-л.** сараш (майнааш) гаранг шуд

вскрыва́ние *с см.* **вскры́тие**

вскрывать *несов. см.* **вскрыть**

вскрыва́ться *несов.* 1. *см.* **вскрыться;** 2. *страд.* кушода шудан, боз карда шудан; ошкор (фош) карда шудан; чок карда шудан

вскры́тие *с (по знач. гл.* **вскрыть)** кушодан(и), боз кардан(и); ошкор (фош) кардан(и); чок кардан(и), ташреҳ; *(по знач. гл.* **вскрыться** 3) яхкучӣ, яхшиканӣ; **~ посылки** кушодани посылка; **~ недоста́тков** ошкор кардани камбудиҳо; **~ тру́па** чок кардани ҷасади мурда; **~ рек** шикастани яхи дарьёҳо

вскрыть *сов.* 1. *что* кушодан, боз кардан; **~ письмо** мактубро кушодан 2. *что перен.* ошкор (фош) кардан; **~ недоста́тки** камбудиҳоро ошкор кардан 3. *кого-что мед.* кафондан, чок кардан, ҷарроҳӣ кардан, ташреҳ кардан, буридан; **~ нарыв** думбалро чок кардан; **~ труп** ҷасадро ташреҳ кардан

вскры́||ться *сов.* 1. *(прорваться — о нарыве)* кафидан 2. *перен.* ошкор (фош) шудан; **~лись причи́ны отстава́ния** сабабҳои ақибмонӣ ошкор шуданд 3. *(освободиться ото льда)* аз ях холӣ шудан

вскрышн||о́й, -ая, -ое: ~ые работы *горн.* кушоиш *(кандани қабати хок бо мақсади кушодани маъдан ва истифодаи он)*

всласть *нареч. разг.* ба қадри хоҳиш, то сершавӣ, бо иштиҳо, маза карда, бо ҳаловат; **выспаться ~** бо ҳаловат хобидан, аз хоб сер шуда хестан

вслед *нареч. и предлог с дат.* аз пас, аз дунбол; аз паи..., аз паси..., аз дунболи..., аз ақиби...; **де́ти побежа́ли ~ за ма́терью** кудакон аз паи модарашон давиданд; **~ за письмо́м после́довала телеграмма** аз паси мактуб телеграмма омад ◇ **~ за тем** пас аз он, баъд аз он, сонӣ, сипас

всле́дствие *предлог с род.* дар натиҷаи..., ба сабаби...; **~ боле́зни** дар натиҷаи беморӣ

вслепу́ю *нареч. разг.* 1. нигоҳ накарда, нодид; **печатать на маши́нке ~** дар мошинка ба ҳарфҳо нигоҳ накарда чоп кардан; **игра́ть ~** *шахм.* ба тахтаи шоҳмот нигоҳ накарда бозӣ кардан 2. *перен. (наугад)* кур-курона; **де́йствовать ~** кур-курона амал кардан

вслух *нареч.* бо овози баланд (шунаво); **чита́ть ~** бо овози баланд хондан

вслу́шаться *сов.* бо диққат гуш кардан, гуш андохтан, ҳамв тан гуш шудан

вслу́шиваться *несов. см.* **вслу́шаться**

всма́триваться *несов. см.* **всмотре́ться**

всмотре́ться *сов.* бо диққат нигоҳ кардан, чашм духтан, синча кардан

всмя́тку *нареч.* нимпухт; **яйцо́ ~** тухми нимдунбул ◇ **сапоги́ ~** шири мурғу пои мор; сафсата, ёва

всо́вывать *несов. см.* **всу́нуть**

всо́вываться *несов.* 1. *см.* **всу́нуться;** 2. *страд.* дароварда шудан, тиққонда шудан

всоса́ть *сов. что* ба худ кашидан, макидан, ҷаббидан; **~ вла́гу** намро ба худ кашидан ◇ **~ с молоко́м ма́тери** бо шири модар даромадан

всоса́||ться *сов.* 1. ҷаббида шудан, макида шудан; **вода́ ~лась в зе́млю** хок обро ҷаббид 2. *(глубоко войти)* чуқур рафтан, даромадан, ғутидан; **ло́дка ~лась в ти́ну** заврақ ба лойқа ғутид

вспаивать *несов. см.* **вспои́ть**

вспа́иваться *несов. страд.* макконда калон карда шудан, парвариш карда шудан

вспа́рхивать *несов. см.* **вспорхну́ть**

вспа́рывать *несов. см.* **вспоро́ть**

вспа́рываться *несов. страд.* кафонда шудан, чок карда шудан

вспаха́ть *сов. что* шудгор кардан, ҷуфт рондан, ҳай кардан, гардондан

вспа́хивание *с см.* **вспашка**

вспа́хивать *несов. см.* **вспаха́ть**

вспа́хиваться *несов. страд.* шудгор карда шудан, гардонда шудан

вспашка *ж (по знач. гл.* **вспаха́ть)** шудгоркунӣ, ҷуфтронӣ, заминронӣ

вспе́ненный, -ая, -ое 1. *прич.* кафк кунондашуда 2. *прил. (о лошади)* арақкарда, кафккарда

вспе́нивать *несов. см.* **вспе́нить**

вспе́ниваться *несов.* 1. *см.* **вспе́ниться;** 2. *страд.* кафк кунонда шудан

вспе́нить *сов.* 1. *что* кафк кунондан 2. *кого* ба обу арақ ғутондан *(аспро)*

вспе́ни||ться *сов.* кафк кардан; **пи́во ~лось** пиво кафк кард

вспетуши́ться *сов. прост.* якбора оташин шудан, якбора ҷушида (шӯрида) рафтан

всплакну́ть *сов. о ком-чём и без доп. разг.* каме гирья кардан, оби дида кардан

всплеск *м (по знач. гл.* **всплесну́ть)** шалпосзанонӣ; *(по знач. гл.* **всплесну́ться)** шалпосзанӣ // *(шум волны)* шалпос, шалап-шалап

всплёскивание *с см.* **всплеск**

всплёскивать *несов. см.* **всплесну́ть**

всплёскиваться *несов.* 1. *см.* **всплесну́ться;** 2. *страд.* шалпос занонда шудан

всплесну́||ть *сов. однокр.* 1. *что* шалпос занондан 2. шалпос задан; **в о́зере ~ла ры́ба** дар кул моҳие шалпос зад ◇ **~ть рука́ми** ангушти ҳайрат газидан

всплесну́ться *сов.* шалпос задан

всплошну́ю *нареч. разг.* сар то по, пай дар пай, паёпай, пай дар ҳам

всплыва́ние *с см.* **всплы́тие**

всплывать *несов. см.* всплыть

всплы́тие *с (по знач. гл.* **всплыть** 1) руиобшавӣ, ба руи об баромадан(и)

всплы́||ть *сов.* 1. [ба]руи об баромадан 2. *перен.* ошкор шудан; **~ли недочёты** норасоиҳо ошкор шуданд

вспои́ть *сов. кого разг.* 1. макконда (шир дода) калон кардан, парвариш кардан; **~ телёнка** гусоларо шир дода калон кардан 2. *перен. (воспитать)* тарбия додан, парваридан

всполаскивать *несов. см.* **всполосну́ть**

всполаскиваться *несов. страд.* чайқонда шудан

всполза́ть *несов. см.* **всползти́**

всползти́ *сов.* хазида боло баромадан

всполосну́ть *сов. что разг.* чайқондан, шустан, об гардондан

всполо́хи *мн. (ед.* **всполо́х** *м)* 1. фаҷри шимолӣ 2. шуъла, оташак; **~ огня** шуълаи оташ

всполоши**||ть** *сов. кого-что разг.* ба ҳаяҷон (ба изтироб) овардан, безобита кардан; **пожар ~л всю деревню** сухтор аҳли деҳаро безобита кард

всполоши́ться *сов. разг.* ба ҳаяҷон (ба изтироб) омадан, мушавваш (бесаранҷом, безобита) шудан

вспо́лье *с обл.* вот, марза

вспоминать *несов. см.* **вспо́мнить**

вспомина́ться *несов.* 1. *см.* **вспомниться;** 2. *страд.* ба ёд (ба хотир) оварда шудан

вспо́мнить *сов. кого-что, о ком-чём* ба ёд (ба хотир) овардан, ёд (ёдоварӣ) кардан

вспо́мни||ться *сов.* ба ёд (ба хотир) омадан, ба хотир расидан; **мне ~лся слу́чай** ҳодисае ба ёдам омад

вспомогательн||ый, -ая, -ое ёридиҳанда, ёрирасон, фаръӣ; **~ые работы** корҳои фаръӣ ◇ **~ый глаго́л** *грам.* феъли ёридиҳанда

вспоможе́ние *с уст.* 1. *(оказание помощи)* муовинат (ионат) кардан(и) 2. *(пособие)* нафақа, ёрдампулӣ, мададмаош

вспомоществова́ние *с книжн. см.* **вспоможе́ние**

вспомоществова́ть *несов. кому-чему уст. книжн.* муовинат кардан

вспомян||у́ть *сов. кого-что, о ком-чём прост.* ёд (ёдоварӣ) кардан, ба ёд (ба хотир) овардан; **~и́ моё слово** суханамро ба хотир биёр; **~у́ть до́брым сло́вом** ба некӣ ёд кардан ◇ **кто старое вспомя́нет, тому́ глаз вон** *посл.* ≈ ба гузашта салавот

вспомяну́ться *сов. прост.* ба ёд (ба хотир) омадан

вспоро́ть *сов. что разг.* шикофтан, кафондан, чок кардан; **~ мешо́к** халтаро чок кардан

вспорхну́ть *сов.* 1. паридан, парвоз кардан, парида баромадан 2. *перен. разг. ирон.* парпанак зада баромадан

вспоте́ть *сов.* арақ кардан

вспрыгивать *несов. см.* **вспрыгнуть**

вспрыгнуть *сов.* ҷаҳида (хез зада) баромадан; **~ на коня́** ба асп савор шудан

вспры́скивание *с* 1. *(по знач. гл.* **вспрыснуть)** пошидан(и), об пуф кардан(и); доруфиристонӣ, тазриқ 2. *разг. (лекарство)* дору

вспры́скивать *несов. см.* **вспрыснуть**

вспры́скиваться *несов. страд.* пошида шудан, об пуф карда шудан; тазриқ карда шудан

вспры́снуть *сов.* 1. *кого-что* пошидан, об пуф кардан, шакароб задан; **~ цветы́ водой** ба гулҳо об пошидан 2. *разг. см.* **впры́снуть;** 3. *что перен. разг. шутл.* шустан, зиёфат кардан

вспря́дывать *несов. см.* **вспрянуть**

вспря́ну||ть *сов. уст.* 1. якбора хестан, ҷаста хестан; **ло́шадь ~ла** асп якбора чорғпоя шуд 2. *перен.* ба ҳаракат даромадан, ба ҳаяҷон омадан **~ть ото сна** *аз* хоб бедор шудан

вспу́гивать *несов. см.* **вспугну́ть**

вспу́гиваться *несов. страд.* тарсонда шудан

вспугну́ть *сов. кого-что* тарсондан, хусондан, рамондан; **~ зайца** харгушро хусондан

вспухать *несов. см.* **вспу́хнуть**

вспу́хнуть *сов.* варам кардан, дамидан

вспу́чивание *с (по знач. гл.* **вспу́чить)** дамондан(и), қубла дамондан(и); *(по знач. гл.* **вспу́читься)** дамидан(и), варам кардан(и)

вспу́чивать *несов. см.* **вспу́чить**

вспу́чиваться *несов.* 1. *см.* **вспу́читься;** 2. *страд.* дам карда шудан, дамонда шудан

вспу́чи||ть *сов. чаще безл. что прост.* дам кардан, дамондан, қубла занондан; **живо́т ~ло** шикам дам кард

вспу́читься *сов. прост.* дамидан, варам кардан, қубла задан

вспуши́ть *сов. что прост.* фаххак кардан, патдор кардан

вспуши́ться *сов. прост.* фаххак шудан, патдор шудан

вспыли́ть *сов. разг.* якбора асабонӣ (оташин, хашмгин) шудан, аланга гирифтан, ба ҷуш омадан

вспы́льчивость *ж* тундмизоҷӣ, тундхулқӣ, бадҷаҳлӣ

вспы́льчивый, -ая, -ое (вспыльчив, -а, -о) тундмизоҷ, тундху, бадҷаҳл, бадқаҳр; **он о́чень вспы́льчив** вай хеле тундмизоҷ аст

вспыхивать *несов. см.* **вспыхнуть**

вспы́хну||ть *сов.* 1. якбора даргирифтан, аланга гирифтан, шуълавар шудан; **бума́га ~ла** коғаз якбора даргирифт 2. дурахшидан, партав афкандан, ялаққос задан, ҷило додан, шуълавар шудан; **вдали́ ~ли огоньки́** аз дур чароғон дурахшиданд; **его́ глаза́ ~ли** чашмонаш шуълавар шуд 3. *перен.* сурх (суп-сурх) шудан; **её лицо́ ~ло** руи у лолагун шуд 4. *перен.* якбора сар (пайдо) шудан, якбора авҷ гирифтан; **~ла ссо́ра** якбора ҷанҷол хест 5. *перен. (прийти в раздражение)* ба ғазаб омадан, оташин шудан

вспышк||а *ж* 1. якбора даргирифтан(и), алангагирӣ; **~а по́роха** якбора даргирифтани борут 2. дурахш, ҷило; **яркие ~и мо́лний** дурахши барқ 3. *перен.* якбора пайдошавӣ, якбора авҷгирӣ 4. *перен. (раздражение)* хашм, ғазаб

вспять *нареч. книжн.* ба ақиб, ақибнокӣ, қафо; **поверну́ть ~** ба ақиб баргаштан

встава́ние *с (по знач. гл.* **встать** 1) хестан(и), ба по истодан(и); **почти́ть па́мять уме́ршего ~м** ба эҳтироми ёдбуди марҳум аз ҷо хестан

встава́||ть *несов. см.* **встать** ◇ не **~я** аз ҷо нахеста; пайваста, бефосила; **рабо́тать не ~я** аз ҷо нахеста якзайл кор кардан

вставить *сов. что* 1. даровардан, андохтан, шинондан, ниҳодан; **~ стёкла** шиша шинондан 2. *перен.* гап ҳамроҳ кардан; **~ сло́во в разгово́р** дар аснои суҳбат гап ҳамроҳ кардан

вста́виться *сов. разг.* гунҷидан, ҷой гирифтан

вста́вк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **вста́вить** 1) даровардан(и), ниҳодан(и) 2. қуроқ, руфу *(порае, ки ба либоси тайёр духта часпонда мешавад)* 3. замима; **~и в текст** замимаи матн

вставля́ть *несов. см.* **вста́вить** ◇ **~ палки в колёса** *кому* кулухи (садди, санги) сари роҳ шудан, ба кор ишкел андохтан

вставля́ться *несов.* 1. *см.* **вста́виться;** 2. *страд.* даровард шудан

вставн||о́й, -ая, -ое дароварда мешудагӣ, шинонда мешудагӣ; **~ые зу́бы** дандонҳои сунъӣ (ориятӣ)

встарь *нареч.* дар қадимулайём

встаскивать *несов. см.* **встащи́ть**

встаскиваться *несов.* 1. *см.* **встащи́ться;** 2. *страд.* боло кашонда шудан

встать *сов.* 1. хестан, бархостан, ба по истодан; **~ с ме́ста** аз ҷо хестан; **~ из-за стола́** аз сари миз бархостан // бедор шудан, аз хоб хестан; **~ ра́но** барвақт аз хоб хестан; **~ с восхо́дом со́лнца** субҳдам бедор шудан // сиҳат шудан; **больно́й уже встал** касал кайҳо сиҳат шуд 2. бархостан, қиём кардан; **~ на защи́ту ро́дины** ба муҳофизаи ватан бархостан 3. тулуъ кардан, баромадан; **со́лнце вста́ло из-за ле́са** офтоб аз паси беша баромад 4. *перед кем-чем и без доп. перен.* баромадан, пайдо шудан, ба вуҷуд омадан; **встал вопро́с** масъалае баромад; **встали но́вые тру́дности** мушкилиҳои нав пайдо шуд 5. истодан, рост истодан; **~ на ковёр** руи гилем истодан 6. гунҷидан, ҷой гирифтан; **шкаф здесь не встанет** дар ин ҷо ҷевон намегунҷад 7. сар кардан, баромадан; **~ на ва́хту** ба вахта истодан; **~ на дежу́рство** навбатдор шудан 8. *разг.* хоб рафтан, аз кор мондан; **часы́ вста́ли** соат хоб рафт 9. *разг.* ях бастан, ях кардан; **река встала** дарьё ях кард 10. *разг.* қимат (арзон) афтидан; **поку́пка до́рого вста́нет** харид қимат меафтад ◇ **~ гру́дью** *за кого-что* сина сипар кардан; **~ во главе́ чего́-л.** роҳбар (саркор, сардор) шудан; **~ в строй** ба кор даромадан; **~ на кварти́ру** *к кому уст.* иҷоранишин шудан; **~ на коле́ни** зону задан; **~ на чьё-л. ме́сто** ҷои касеро гирифтан; **~ на́ ноги** 1) сиҳат шудан 2) мустақил шудан 3) аҳволи моддии худро беҳтар кардан; **~ на путь** *чего* роҳи муайянеро интихоб кардан; **~ на учёт** дар руйхат истодан, ба ҳисоб даромадан; **~ попере́к го́рла** *кому* дилбазан шудан, ба ҷон расондан; **~ поперёк пути́ (доро́ги) кому́-л.** санги сари роҳи касе шудан; **~ с ле́вой ноги́** ба дасти чап хестан

встащи́ть *сов. кого-что разг.* боло кашондан, кашолакунон боло баровардан

встащи́ться *сов. разг.* ба зур боло баромадан

встопо́рщить *сов. что разг.* сих (фах) кардан; **~ щети́ну** муйро сих (фах) кардан

встопо́рщиться *сов. разг.* сих (фах) шудан

встраивать *несов. см.* **встроить**

встраиваться *несов. страд.* дар дарун сохта шудан

встревать *несов. см.* **встрять**

встревоженн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ба хаяҷон (ба изтироб) овардашуда, хавотир кардашуда 2. *прил.* мушавваш, музтариб, безобита; **~ая толпа** издиҳоми музтариб

встревожи||ть *сов. кого-что* ба хаяҷон (ба изтироб) овардан, ба ташвиш андохтан, шурондан, хавотир (безобита) кардан; **это известие его ~ло** ин хабар уро хавотир кард

встревожиться *сов.* ба хаяҷон (ба изтироб) омадан, хавотир (мушавваш) шудан

встрепать *сов. что разг.* тит (парешон, пахмоқ) кардан

встрепенуться *сов.* 1. *(о птице)* пару бол афшондан, як қад паридан 2. *перен. (оживиться)* зиндадил (руҳбаланд) шудан 3. *(о сердце)* тапидан, задан

встрёпк||а *ж прост.* сарзаниш, маломат, гушмол; **задать ~у кому-л.** касеро сарзаниш кардан

встрёпывать *несов. см.* **встрепать**

встрепыхнуться *сов. (о птице)* пару бол афшондан

встрети||ть *сов.* 1. *кого-что* ру ба ру (дучор) шудан, вохурдан, дидан, мулоқот кардан; **~ть на улице знакомого** бо ошнои худ дар куча дучор шудан 2. *кого-что* пайдо кардан, ёфтан, дидан: **эти минералы он ~л впервые** ин маъданҳоро вай якумин бор дидааст 3. *кого-что* пешвоз гирифтан, истиқбол кардан: **~ть гостя** меҳмонро пешвоз гирифтан 4. қабул кардан, пешвоз гирифтан; **~ть в штыки** *кого-что* душманона пешвоз гирифтан 5. *что перен.* дидан, аз сар гузаронидан; **~ть трудности** мушкилӣ кашидан ◇ **~ть Новый год** Соли Навро истиқбол кардан

встретиться *сов.* 1. ру ба ру (дучор) шудан, мулоқот кардан, вохурдан; **они встретились на улице** онҳо дар куча вохурданд 2. пайдо шудан, вохурдан, дучор шудан; **эти стихи встретились в новом журнале** ин шеърҳо дар журнали нав дучор омаданд 3. *с чем перен.* дучор шудан, дидан; **~ с опасностью** бо хатаре дучор шудан, хатаре дидан ◇ **~ на узкой дорожке** сояи ҳамдигарро аз девор тарошидан

встреча *ж* 1. рубарушавӣ, дучоршавӣ, вохурӣ, боздид, мулоқот; **неожиданная ~** вохурии ногаҳонӣ; **~ читателей с писателем** мулоқоти хонандагон бо нависанда 2. *спорт.* мусобиқа; **~ гимнастов** мусобиқаи гимнастон 3. *(приём)* пешвозгирӣ, истиқбол; **~ делегатов** пешвозгирии вакилон ◇ **~ Нового года** истиқболи Соли Нав

встречать *несов. см.* **встретить**

встреча||ться *несов.* 1. *см.* **встретиться;** 2. ошно̄й доштан; **я с ним не ~юсь** ман бо вай ошнои надорам 3. вохурдан, ёфт шудан; **в горах ~ются орлы** дар кӯҳсор уқобҳо вомехӯранд

встречн||ый, -ая,-ое 1. ру ба ру, мухолиф; **~ый поезд** поезди аз ру ба ру оянда; **~ый ветер** боди мухолиф // *(попадающийся на пути)* вохуранда дар сари роҳбуда // *в знач. сущ.* **встречный** *м*, **встречная** *ж* роҳгузар; **спрашивать каждого ~ого** аз ҳар роҳгузар пурсидан 2. мутақобил, ҷавобӣ; **~ый иск** даъвои мутақобил ◇ **~ый и поперечный** ҳар касу нокас; **первый ~ый** ҳар каси рост омадагӣ, ҳар каси бегона

встроить *сов. что* дар дарун сохтан (бино кардан)

встройка *ж (по знач. гл.* **встроить)** дар дарун сохтан(и)

встряска *ж* 1. *разг. (душевное потрясение)* садамаи (хаяҷони) руҳӣ 2. *прост. (нагоняй)* сарзаниш, танбеҳ

встрять *сов. прост.* аралаш шудан

встряхивание *с (по знач. гл.* **встряхнуть)** афшондан(и), шиппондан(и), такониш; ҷунбондан(и)

встряхивать *несов. см.* **встряхнуть**

встряхиваться *несов.* 1. *см.* **встряхнуться;** 2. афшонда (такон дода) шудан

встряхну||ть *сов.* 1. *что* афшондан, шиппондан, такон додан; **~ть одеяло** курпаро афшондан // *чем* ҷунбондан; **~ть головой** сар ҷунбондан //*безл. кого-что* такон додан; **при въезде на мост телегу ~ло** ҳангоми ба купрук баромадан ароба такон хурд 2. *кого-что перен.* ба хаяҷон овардан, ба ҷунбиш овардан: **революция ~ла народные массы** революция оммаи халқро ба ҷунбиш овард

встряхну||ться *сов.* 1. пару бол афшондан, худро афшондан; **курица ~лась** мокиён бол афшонд 2. *перен. разг. (ободриться)* зиндадил (руҳбаланд) шудан // *(развлечься)* дилхушӣ кардан

вступать(ся) *несов. см.* **вступить(ся)**

вступительн||ый, -ая, -ое 1. муқаддимавӣ, ибтидоӣ, ...и даромад, ...и оғоз; **~ое слово** сарсухан, нутқи муқаддимавӣ; **~ая часть** қисми даромад 2. ...и даромадан(и), ...и қабул; **~ый экзамен** имтиҳони қабул; **~ый взнос** ҳаққи дохилшавӣ

вступить *сов.* 1. даромадан, дохил шудан; **войска вступили в город** аскарон ба шаҳр даромаданд 2. гузаштан, даромадан; **~ в новую стадию развития** ба давраи нави инкишоф гузаштан 3. қадам мондан, по ниҳодан; **~ на лестницу** ба зинапоя қадам мондан 4. *во что* дохил шудан, даромадан; **~ в партию** ба партия дохил шудан 5. *в сочет. с сущ. и предлогом «в»:* **~ во владение чем-л.** соҳиби чизе шудан; **~ в действие** ба кор даромадан, ҷорӣ шудан; **~ в разговор** ба суҳбат ҳамроҳ шудан ◇ **~ в брак** *(о мужчине)* зан гирифтан; *(о женщине)* шавҳар кардан; **~ в свои права** комилан фаро расидан; **весна вступила в свои права** тамоман баҳор шуд; **~ в силу** қонунӣ шудан, эътибор пайдо кардан; **~ в строй** ба кор даромадан; ба кор андохта шудан; **~ на престол** ҷулус кардан, ба тахт нишастан; **~ на путь** *чего* ба роҳе даромадан, пеша гирифтан

вступиться *сов. за кого-что* тарафдор шудан, тараф гирифтан, тарафдорӣ кардан; **~ за товарища** тарафи рафиқро гирифтан

вступление *с* 1. *(по знач. гл.* **вступить)** даромадан(и), дохилшавӣ 2. *(введение)* муқаддима, сарсухан

всуе *нареч. уст. книжн.* беҳуда, беҷо, абас; **поминать кого-л. ~** касеро беҷо ном бурдан

всунуть *сов. кого-что* даровардан, тиққондан, фуру равондан; **~ ногу в сапог** пойро ба муза даровардан

всунуться *сов. прост.* 1. тиққида даромадан (гузаштан), сар даровардан 2. *(вмешаться)* аралаш шудан

всухомятку *нареч. разг.* нони хушк хурда, дами гарм нахурда; **есть ~** нони хушк (гизои сахт) хурдан

всучивать *несов. см.* **всучить**

всучиваться *несов. страд.* тофта гузаронда шудан

всучить *сов. что* 1. тофта гузарондан 2. *разг.* зуран бор кардан, ба гирифтан маҷбур кардан, маҷбуран гиронидан, фиреб дода гиронидан; **~ плохой товар** моли бадро фиреб дода гиронидан

всхлип *м разг.* хиқ-хиқ, фиқ-фиқ

всхлипнуть *сов. однокр. к* **всхлипывать**

всхлипывание *с (по знач. гл.* **всхлипывать)** хиқ-хиққунӣ; фиқ-фиққунӣ, фиқ-фиқ кунон гиристан(и); *(звуки)* хиқ-хиқ, фиқ-фиқ

всхлипывать *несов.* хиқ-хиққунон (фиқ-фиққунон) гиря кардан, хиқ-хиқ (фиқ-фиқ) кардан, хиқ-хиқ карда гиря кардан

всходить *несов. см.* **взойти**

всходы *тк. мн.* сабзаи навхез, майса; **ранние ~** сабзаи бармаҳалӣ; **~ озимых** майсаи галлаи тирамоҳӣ

всхожесть *ж* қобилияти сабзиш; **проверить семена на ~** қобилияти сабзиши тухми растаниро санҷидан

всхожий, -ая, -ее (всхож, -а, -е) қобили сабзидан, сабзшаванда

всхолмлённый, -ая, -ое теппадор, сертеппа, теппа-теппа

всхрап *м прост.* хуррок

всхрапнуть *сов.* 1. *однокр. к* **всхрапывать;** 2. *прост.* ғанаб кардан, чашм гарм кардан

всхрапывание *с (по знач. гл.* **всхрапывать)** хурроккашӣ, хуррок кашидан(и); *(звуки)* хуррок

всхрапывать *несов.* хуррок кашидан

всыпание *с (по знач. гл.* **всыпать** 1) резиш, рехтан(и)

всыпать *сов.* 1. *что, чего* рехтан, андохтан 2. *кому прост.* задан, куфтан, сарзаниш кардан ◇ **~ горячих** *кому прост.* задан, куфтан

всыпать *несов. см.* **всыпать** 1

всыпаться *сов. разг.* ғунҷидан, ҷой гирифтан *(дар бораи чизи пошхуранда)*

всыпаться *несов.* 1. *см.* **всыпаться;** 2. *страд.* рехта (андохта) шудан

всыпка *ж разг. см.* **всыпание**

всюду *нареч.* дар ҳама ҷо, ба ҳама ҷо
вся *ж от* весь I
всяк *мест. определит. уст. и прост.* ҳар, ҳар як; ~ **кулик своё болото хвалит** *посл.* ≈ касе нагуяд, ки дуғи ман турш аст; ~ **сверчок знай свой шесток** *посл.* ≈ қадаматро донистa мон // *в знач. сущ.* **всяк** *м* ҳар кас, ҳар кӣ; ~ **волен в своих поступках** ихтиёр ба дасти бахтиёр; ~ **по-своему с ума сходит** ҳар кию ҳар чӣ
всяк||ий, -ая, -ое *мест. определит.* 1. ҳар; ҳар кадом, кадоме ки бошад; ~**ий раз одно и то же** ҳар дафъа айни ҳамон чиз; **во ~ое время** кай ки бошад // *в знач. сущ.* **всякий** *м*, **всякая** *ж* ҳар кас, ҳар кӣ; ~**ий может это сделать** ин кор аз дасти ҳар кас меояд 2. ҳар гуна, ҳар хел, ҳар тарз; ~**ие грузы** ҳар гуна бор // *в знач. сущ.* **всякое** *с* ҳар чӣ; ~**ое говорят** ҳар чӣ мегӯянд; ~**ое бывает** оламу ҳодис 3. *(какой бы то ни было)* ягон, андаке ҳам; **отсутствие ~ой внимательности** набудани ҳатто андаке диққат, бе ҳеҷ диққат // *с предлогом «без»* ҳеҷ, бе ҳеҷ, бе ягон; **без ~ой жалости** бе ҳеҷ тараҳҳум ◇ ~**ая всячиниа** ҳама чиз; **во ~ом случае** ба ҳар ҳол, дар ҳар сурат; **на ~ий случай** ба ҳар эҳтимол; ~**ому овощу своё время** *посл.* ≈ ҳар кор вақту соат дорад; **на ~ий роток не накинешь платок** *посл.* ≈ дарвозаи шаҳрро баста мешаваду — даҳони мардумро не; **на ~ого мудреца довольно простоты** *посл.* ≈ одами оқил ҳам баъзан хато мекунад; **на ~ое чиханье (на ~ий чих) не наздравствуешься** *посл* ≈ дили ҳамаро ёфта намешавад; **у ~ой пташки свои замашки** *посл.* ≈ ҳар махлуқеро хулке
всяко *нареч. прост.* ҳар хел, ҳар тарз; ~ **бывает** оламу ҳодис
всячески *нареч. разг.* ҳар тарз, ҳар хел, ҳар навъ, ҳар гуна, ба ҳар тарз
всяческ||ий, -ая, -ое *разг.* ҳар навъ, ҳар хел, ҳар гуна, гуногун; ~**ие закуски** хуришҳои гуногун; **оказывать ~ую поддержку** ҳаматарафа ёрӣ расондан
всячина *ж*: **всякая** ~ *разг.* ҳама чиз
втайне *нареч.* дар пинҳонӣ, махфиёна, маҳрамона, дар дили худ; **замышлять** ~ қасд кардан, нияти бад кардан; ~ **он был рад** у дар дилаш хурсанд буд
вталкивать *несов. см.* **втолкнуть** *и* **втолкать**
вталкиваться *несов.* 1. *см.* **втолкнуться** *и* **втолкаться** 2. *страд.* тела дода дароварда шудан
втаптывать *несов. см.* **втоптать**
втаптываться *несов. страд.* поймол карда шудан
втаскать *сов. что прост.* кашола карда даровардан, кашида даровардан
втаскивать *несов. см.* **втащить** *и* **втаскать**
втаскиваться *несов.* 1. *см.* **втащиться;** 2. *страд.* кашола карда даровардa шудан
втачать *сов. что* часпондан, дӯхта часпондан, шинондан; ~ **воротник** гиребонро часпондан; ~ **рукава** остинҳоро часпондан
втачивание *с* (*по знач. гл.* **втачать**) часпондан(и), дӯхта часпондан(и), шинондан(и)
втачивать *несов. см.* **втачать**
втачиваться *несов. страд.* дӯхта часпонда шудан, шинонда шудан
втащить *сов. кого-что* кашола карда даровардан; боло кашондан, кашолакунон боло баровардан
втащиться *сов. разг.* ба зур даромадан; ба зур боло баромадан
втека||ть *несов.* рехтан, рехта даромадан, шорида даромадан; **ручей ~ет в небольшую речку** ҷӯй ба дарьёча мерезад
втёмную *нареч. разг.* 1. *карт.* таваккалан, нодид; **играть** ~ таваккалан қимор задан, нодид бозӣ кардан 2. *перен.* надониста, кур-курона; **действовать** ~ кур-курона амал кардан
втемяшить *сов. что прост.* ба зур фаҳмондан; ~ **себе в голову** ба майнаи худ ҷойгир кардан
втемяши||ться *сов. кому прост.* ба фикр омадан, ба хотир расидан, маҳкам ба майна ҷойгир шудан; **ему ~лось, что...** ба майнааш маҳкам ҷойгир шудааст, ки...
втереть *сов. что* молидан, молида хурондан; ~ **мазь** марҳамро [ба пуст] молида хурондан ◇ ~ **очки** *кому* ба чашм хок пошидан
втереться *сов.* 1. *(впитаться)* молида хуронда шудан 2. *разг. (протиснуться)* тиққида даромадан; ~ **в толпу** ба даруни издиҳом тиққида даромадан ◇ ~ **в доверие к кому-л.** бо ҳила дили касеро ёфтан
втесаться *сов. прост.* бетакаллуфона даромадан, бо роҳи ҳила даромадан
втёсываться *несов. см.* **втесаться**
втечь *сов. см.* **втекать**
втирание *с* 1. (*по знач. гл.* **втереть**) молиш, молида хурондан(и) 2. *(вещество)* марҳам, тило
втирать *несов. см.* **втереть**
втираться *несов.* 1. *см.* **втереться;** 2. *страд.* молида хуронда шудан
втискать *сов. кого-что прост.* тиққонда даровардан, ба зур гунҷондан
втискаться *сов. прост.* ба зур даромадан, худро тиққондан
втискивать *несов. см.* **втиснуть** *и* **втискать**
втискиваться *несов.* 1. *см.* **втиснуться** *и* **втискаться;** 2. *страд.* тиққонда шудан, ба зур даровардa шудан
втиснуть *сов. кого-что* тиққонда даровардан, ба зур гунҷондан, тиққонда гунҷондан (ҷой гирондан); **с трудом** ~ **ногу в туфлю** пойро ба зур ба туфли даровардан
втиснуться *сов. разг.* ба зур даромадан, худро тиққондан, тиққидан
втихомолку *нареч. разг.* овоз набароварда, пинҳонӣ, рустӣ
втихую *нареч. см.* **втихомолку**
втолкать *сов. кого-что прост.* тела дода даровардан (ҷойгир кунондан)
втолкаться *сов. прост.* тела дода даромадан
втолкнуть *сов. кого-что* тела (лагадкуб) дода даровардан (ҷойгир кунондан)
втолкнуться *сов. прост.* тела дода даромадан
втолковать *сов. что кому разг.* фаҳмондан, фаҳмонда додан, ёд додан
втолковывать *несов. см.* **втолковать**
втолковываться *несов. страд.* фаҳмонда шудан, ёд дода шудан
втоптать *сов. кого-что* поймол кардан ◇ ~ **в грязь** тухмат (бадном, сиёҳ) кардан
ворачивание *с* (*по знач. гл.* **второчить**) бо фитрок бастан(и)
вторачивать *несов. см.* **второчить**
вторачиваться *несов. страд.* бо фитрок баста шудан
вторгаться *несов. см.* **вторгнуться**
вторгнуться *сов.* 1. бо зурӣ (ҳуҷум карда, зада) даромадан; **враг вторгся в страну** душман ба хоки мамлакат ҳуҷум карда даромад 2. *перен.* бетакаллуфона мудохила кардан; ~ **в чью-л. жизнь** ба ҳаёти касе мудохила кардан
вторжение *с* (*по знач. гл.* **вторгнуться**) бо зурӣ (ҳуҷум карда) даромадан(и)
втори||ть *несов.* 1. *муз.* ҳамоҳанг (ҷӯр, ҳамовоз) шудан 2. *кому-чему* такрор кардан; **эхо ~ло нам в горах** акси садои мо дар кӯҳҳо шунида мешуд 3. *кому перен.* фикрҳои дигаронро такрор кардан, созиш кардан, фикри касеро тақвият додан; балегуӣ кардан
вторично *нареч.* дубора, дуюмбора, такроран; **спросить** ~ такроран пурсидан
вторичн||ый, -ая, -ое 1. дубора, такрорӣ, дуюм, дуюмдараҷа, сонӣ; ~**ое извещение** огоҳиномаи дубора 2. ҳосила, муштақ, маҳсул; ~**ый продукт** маҳсулоти муштақ 3. иловагӣ, ғайриасосӣ
вторник *м* сешанбе, рузи сешанбе
второ- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дуюм», «дуюмдараҷа»:* **второгодник** талабаи ду сол дар як синф мондагӣ; **второстепенный** ...и дараҷаи дуюм, ғайриасосӣ
второгодник *м* талабаи ду сол дар як синф мондагӣ
второгодничество *с* ду сол дар як синф мондан(и)
втор||ой, -ая, -ое 1. *числ.* дуюм, дуюмин; ~**ой месяц** моҳи дуюм 2. *прил.* ...и дараҷаи дуюм, ...и дуюмдараҷа, дуюмдараҷагӣ; **на ~ом плане** дар ҷои дуюм, дар мадди сонӣ 3. *прил.* дуюм, ивазкунанда; ~**ая родина** ватани дуюм 4. *в знач. сущ.* **второе** *с (блюдо)* таоми дуюм 5. *в знач. сущ.* **вторая** *ж употр. обычно в сочет. мат.* ним, нисф, аз ду як қисмаш; **одна ~ая** аз ду як; **три ~ых** аз ду се ◇ ~**ая молодость** ҷавонии дубора; **до ~ых петухов (проговорить, проси-**

деть) то як поси шаб гап задан (нишастан); **из ~ых рук (узнать, получить)** аз касе (фаҳмидан, шунидан); **играть ~ую скрипку** камнуфуз (камобрў) будан; **обрести ~ое дыхание** аз нав қувват гирифтан

второклассник *м* талабаи синфи дуюм

второклассница *ж* толибаи синфи дуюм

второкурсник *м* хонандаи курси дуюм

второкурсница *женск. к* **второкурсник**

второочередной, -ая, -ое ...и навбати дуюм, камаҳамият

второпях *нареч.* шитоб карда, саросема шуда; **забыть ~ что-л.** саросема шуда чизеро фаромуш кардан

второразрядный -ая, -ое ...и разряди дуюм, ...и дараҷаи дуюм, ...и катори дуюм; миёна, миёнхел

второсортн||ый, -ая, -ое ...и навъи дуюм, ...и хели дуюм; миёна, миёнхел; **~ая мука** орди навъи дуюм

второстепенн||ый, -ая, -ое ...и дараҷаи дуюм, ғайриасосӣ; миёна, миёнхел; **~ый вопрос** масъалаи дараҷаи дуюм ◇ **~ые члены предложения** *грам.* аъзоҳои пайрави ҷумла

второчить *сов. кого-что охот.* бо фитрок бастан

втравить *сов.* 1. *кого охот.* ба шикор одат кунондан; **~ собаку** сагро ба шикор одат кунондан 2. *кого-что перен. прост.* кашидан, ҷалб кардан, аралаш кардан, гирифтор кардан *(ба кори бад)*; **~ в азартную игру** ба қиморбозӣ кашидан

втравиться *сов.* 1. *охот.* ба шикор одат кардан 2. *перен. прост.* кашида шудан, аралаш (қатӣ) шудан, гирифтор шудан *(ба кори бад)*

втравливание с (*по знач. гл.* **втравить**) ба шикор одаткунонӣ; кашидан(и)

втравливать *несов. см.* **втравить**

втравливаться *несов.* 1. *см.* **втравиться;** 2. *страд.* одат кунонда шудан; кашида шудан

втравлять(ся) *несов. см.* **втравливать(ся)**

втрамбовать *сов. что* шибба кардан

втрамбоваться *сов.* шибба шудан

втрамбовывать *несов. см.* **втрамбовать**

втрамбовываться *несов.* 1. *см.* **втрамбоваться;** 2. *страд.* шибба карда шудан

в-третьих *вводн. сл.* сеюм, сеюм ин, ки...

втридешева *нареч. уст.* сеҷанд (се баробар) арзон, бисьёр (хеле) арзон

втридорога *нареч. разг.* сеҷанд қимат, хеле қимат; **слупить ~** сеҷанд қимат фурӯхтан

втрое *нареч.* се бор, се карат, сеҷанд, се баробар; **~ больше** се бор зиёд; **сложить лист ~** варақро сеқат кардан

втроём *нареч.* секаса, се нафар, се кас шуда

втройне *нареч.* сеҷанд, се баробар

втуз *м* (высшее техническое учебное заведение) втуз (мактаби олии техникӣ)

втузовец *м разг.* студенти мактаби олии техникӣ, студенти втуз

втузовский, -ая, -ое ...и втуз

втулка *ж* 1. втулка *(чуяни губчак, оҳани губчак)*; **колёсная ~** втулкаи чарх 2. *(пробка, затычка)* даҳантиққӣ

втулочный, -ая, -ое ...и втулка, втулкагӣ

втуне *нареч. уст. книжн.* зоеъ, беҳуда, беҷо

втыкать *несов. см.* **воткнуть**

втыкаться *несов.* 1. *см.* **воткнуться;** 2. *страд.* халонда шудан

втюриться *сов. прост.* 1. *(нечаянно попасть во что-л.)* нохост ғутида мондан, побанд шудан 2. *(влюбиться)* ошиқ шудан, дил додан, шефта шудан

втягивать *несов. см.* **втянуть**

втягиваться *несов.* 1. *см.* **втянуться;** 2. *страд.* кашола карда дароварда шудан; кашида шудан

втяжн||ой, -ая, -ое 1. дудкаш, мурӣ; **~ая труба** қубури дудкаш 2. дарунакӣ; **~ые когти** чанголҳои ниҳон

втянут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кашола карда даровардашуда, кашолакунон даровардашуда; ҷалб кардашуда, аралаш кардашуда 2. *прил.* фурурафта, чукида

втянуть *сов.* 1. *кого-что* кашола карда даровардан; кашолакунон даровардан 2. *что* ба худ кашидан *(мас. ҳаво)* 3. *кого-что перен. разг.* кашидан, ҷалб кардан, гирифтор кардан, аралаш кардан; **~ в разговор** ба суҳбат кашидан

втянуться *сов. разг.* 1. *(впасть)* фуру рафтан, чукидан, ба дарун кашида шудан 2. даромада рафтан 3. *перен.* кашида шудан, ҷалб шудан, гирифтор шудан; **~ в спор** ба мубоҳиса кашида шудан 4. одат кардан; **~ в работу** ба кор одат кардан

вуалетка *ж* ниқобчаи тур

вуалировать *несов. что* пардапуш (рупуш) кардан; **~ свои намерения** ниятҳои худро пардапуш кардан

вуаль *ж* 1. ниқоби тур 2. *текст.* ҳарир 3. *фото* хирагӣ, пардагирӣ *(дар коғази фото)*

вуз *м* (высшее учебное заведение) вуз (мактаби олӣ)

вузовец *м разг.* студенти мактаби олӣ, студенти вуз

вузовск||ий, -ая, -ое ...и вуз; **~ая программа** программаи вуз

вулкан *м* вулкан, вулқон, кӯҳи оташфишон; **действующий ~** вулкани оташфишон; **потухший ~** вулкани хомуш ◇ **жить [как] на ~е** дар байни обу оташ истодан

вулканизация *ж* вулканизация *(бо сульфур ё моддаи дигар омехта тафсондани каучук, гуттаперча барои маҳкам ва эластикӣ шудани онҳо)*

вулканизм *м геол.* вулканизм

вулканизованный, -ая, -ое 1. *прич.* вулканизация кардашуда 2. *прил.* вулканизациягшуда

вулканизовать *сов., несов. что тех.* вулканизация кардан

вулканизоваться *несов. страд.* вулканизация карда шудан

вулканит *м геол.* вулканит *(ҷинси кӯҳии вулканӣ)*

вулканическ||ий, -ая, -ое вулканӣ, ...и вулкан; ...и вулканизм; **~ие бомбы** бомбаҳои вулкан *(сангпораҳое, ки ҳангоми оташфишонӣ аз тануpаи вулкан ба ҳар су мепаранд)*; **~ие землетрясения** зилзилаҳои вулканӣ; **породы ~ого происхождения** ҷинсҳои кӯҳии вулканӣ

вулканолог *м* вулканшинос

вулканологический, -ая, -ое ...и вулканшиносӣ

вулканология *ж* вулканшиносӣ

вульгаризатор *м* таҳрифкунанда, таҳрифгар

вульгаризация *ж* (*по знач. гл.* **вульгаризировать**) таҳрифгарӣ

вульгаризированн||ый, -ая, -ое *прич. и прил.* таҳрифшуда, ниҳоят содда; **~ое изложение** баёни таҳрифшуда

вульгаризировать *сов., несов. кого-что* таҳриф кардан

вульгаризироваться 1. *сов., несов.* таҳриф шудан 2. *несов. страд.* таҳриф карда шудан

вульгаризм *м лингв.* вульгаризм *(калима ё ибораи дағали дар забони адабӣ истифодашуда)*

вульгарно дағал(она), дурушт

вульгарность *ж* 1. дағали дуруштӣ; **~ выражений** беназокатии ибораҳо 2. *(пошлость, грубость)* гапи дағал, суҳани фаҷ

вульгарн||ый, -ая, -ое (вульгар|ен, -на, -но) 1. дағал(она), дурушт; ҷапанона; **~ые манеры** рафтору кирдорҳои дағалона 2. *тк. полн. ф.* ниҳоят содда; **~ый материализм** материализми вульгарӣ ◇ **~ая латынь** лотинии вульгарӣ *(забони халқии лотинӣ бар акси забони классикии лотинӣ)*

вундеркинд *м* вундеркинд *(кӯдаке, ки истеъдоди фавқулодда дорад)*

вурдалак *м* вурдалак *(мувофиқи ақидаи хурофии баъзе халқҳои славян — мурдае, ки гӯё аз гӯр баромада хуни одамонро мемакад)*

вход *м* 1. (*по знач. гл.* **войти** 1) даромадан(и), дохилшавӣ; **плата за ~** ҳаққи даромадан 2. *(место)* даромадгоҳ, роҳи даромад, дари даромад; **главный ~** даромадгоҳи асосӣ; **остановиться у ~а** дар дами даромадгоҳ истодан

выпархивание *с* (*по знач. гл.* **выпорхнуть**) парида баромадан(и), парпанак зада гурехтан(и)

выпархивать *несов. см.* **выпорхнуть**

выпарывание *с* (*по знач. гл.* **выпороть** I) чок кандан(и)

выпарывать *несов. см.* **выпороть** I

выпарываться *несов. страд.* чок канда шудан

выпас *м* 1. (*по знач. гл.* **выпасти**) чарондан(и); ~ **скота** чарондани чорво 2. *обл.* (*пастбище, выгон*) чарогоҳ

выпасти *сов. кого-что обл.* чарондан

выпа||сть *сов.* 1. афтидан, ғалтидан; беҷо шудан, аз ҷо баромадан; **книга ~ла из рук** китоб аз даст афтид 2. (*о зубах, волосах*) афтидан, рехтан; **зубы ~ли** дандонҳо афтидаанд 3. *перен. разг.* хориҷ шудан, баромадан, берун шудан; ~**сть из игры** аз бозӣ баромадан; ~**ло из памяти** тамоман аз хотир баромадааст 4. (*об осадках*) боридан; ~**л снег** барф борид; ~**ло много дождей** бисьёр борон борид 5. *кому* афтидан; **ему ~л жребий** қуръа ба номи вай баромад 6. шудан, будан; ~**л удобный случай** мавриди қулай шуд; ~**л солнечный денёк** рӯзи офтобӣ шуд (буд) 7. *спорт.* охтан (*дар шамшербозӣ*) ◇ ~**сть на долю чью-л., кому-л.** насиби касе шудан; **на его долю ~ла организация всего дела** ташкили тамоми кор насиби у шуд

выпахать *сов. что* 1. *с.-х.* заминро беқувват кардан 2. (*извлечь при вспашке*) шудгор карда аз замин баровардан 3. *прост. и обл.* шудгор кардан, рондан

выпахивание *с см.* **выпашка**

выпахивать *несов. см.* **выпахать**

выпахиваться *несов. страд.* беқувват карда шудан; шудгор карда шудан, ронда шудан

выпачкать *сов. кого-что разг.* чиркин (ифлос, доғдор, лаккадор) кардан, олондан

выпачкаться *сов.* чиркин (ифлос, доғдор, лаккадор) шудан

выпашка *ж* (*по знач. гл.* **выпахать**) заминро бекувват кардан(и); шудгоркунй, рондан(и)

выпевать *несов.* 1. *см.* **выпеть;** 2. *что разг.* мад кашида талаффуз кардан

выпекание *с см.* **выпечка** 1

выпекать *несов. см.* **выпечь**

выпекаться *несов.* 1. *см.* **выпечься;** 2. *страд.* пухта шудан, дар танур пухта шудан

выпереть *сов.* 1. *кого-что разг.* фишор дода баровардан, тела дода баровардан 2. *кого-что перен. прост.* ҳай кардан, рондан, зада рондан

выпереться *сов. прост.* пеш баромадан, фишор хурда пеш баромадан

выпестовать *сов. кого-что уст.* 1. (*вырастить, выняньчить*) калон кардан, парасторй кардан 2. *перен.* тарбия дода (карда) расондан; ~ **хороших учеников** шогирдони хуб тарбия карда расондан

выпеть *сов. что* сурудан, бурро сурудан

выпечка *ж* (*по знач. гл.* **выпечь**) пазиш, пухтан(и), пазй; ~ **хлеба** пухтани нон, нонпазй

выпечь *сов. что* 1. пухтан, дар танур (дар печка) пухтан; ~ **много хлеба** бисьёр нон пухтан 2. нағз пухтан, синга пухтан

выпечься *сов.* нағз пухтан, синга пухта шудан

выпивала *м, ж прост.* майдуст; майхур

выпивание *с* (*по знач. гл.* **выпить**) нушидан(и)

выпивать *несов.* 1. *см.* **выпить;** 2. *разг.* нушидан, майли шаробхурй доштан, шаробро нағз дидан

выпиваться *несов. страд.* нушида шудан

выпивк||а *ж разг.* 1. шаробхурй, машруботхурй; зиёфати майхурй; **устроить** ~**у** зиёфати майхурй оростан 2. шароб, машрубот; ~**а и закуска** машруботу хуриш

выпивоха *м, ж груб. см.* **выпивала**

выпивши *прост.* 1. *деепр.* нушида, хурда 2. *в знач. сказ.* маст шуда, дар ҳоли мастй

выпиливание *с* (*по знач. гл.* **выпилить**) арра кардан(и), арра карда буридан(и), бо арра буридан(и)

выпиливать *несов. см.* **выпилить**

выпиливаться *несов.* 1. *см.* **выпилиться;** 2. *страд.* арра карда шудан

выпилить *сов. что* 1. арра кардан, бо арра буридан, арра карда буридан; ~ **отверстие** бо арра сурох кардан 2. бо арра сохтан, арра карда сохтан; ~ **рамку** бо арра чорчуба (ром) сохтан

выпилиться *сов.* арра карда шудан

выпилка *ж разг. см.* **выпиливание**

выпирание *с* (*по знач. гл.* **выпереть**) фишор дода баровардан(и); ҳай кардан(и); пеш баромадан(и)

выпирать *несов.* 1. *см.* **выпереть;** 2. *разг.* пеш баромадан, дамида пеш баромадан 3. *перен. разг.* (*о мыслях, чувствах*) намоён (намудор) шудан

выпираться *несов.* 1. *см.* **выпирать** 2; 2. *страд.* фишор дода бароварда шудан

выписать *сов.* 1. *что* навишта гирифтан, нусха бардоштан, интихоб карда (чида) навишта гирифтан, ахз (иқтибос) кардан; ~ **цитату** цитата навишта гирифтан 2. *что* бо диққат навиштан; ~ **заглавные буквы** ҳарфҳои калонро бо диққат навиштан 3. *что* навиштан, навишта додан; ~ **квитанцию** квитанция навишта додан 4. *что* обуна шудан; ~ **журнал** ба журнал обуна шудан 5. *кого-что* (*вызвать письмом*) бо мактуб чеғ задан, бо мактуб талаб кардан 6. *кого-что* баровардан, хориҷ кардан, аз руйхат баровардан; ~ **кого-л. из больницы** касеро аз беморхона ҷавоб додан

выписаться *сов.* баромадан, аз руйхат баромадан, номи худро аз руйхат баровардан; ~ **из больницы** аз касалхона баромадан

выписка *ж* 1. (*по знач. гл.* **выписать** 1, 3, 4—6) навиштагирй, нусхабардорй, навишта додан(и); обуна, обунашавй; чеғ задан(и); аз руйхатбарорй; ~ **квитанции** квитанциядиҳй 2. иқтибос

выписной, -ая, -ое *уст.* ...и обуна

выписывание *с см.* **выписка** 1

выписывать *несов. см.* **выписать** ◇ ~ **[ногами] кренделя (вензеля)** калавида-калавида гаштан, мастона роҳ рафтан

выписываться *несов.* 1. *см.* **выписаться;** 2. *страд.* навишта гирифта шудан; ахз (иқтибос) карда шудан; обуна карда шудан; баровардa шудан, хориҷ карда шудан

выпить *сов.* 1. *что, чего* нушидан, хўрдан; ~ **стакан чаю** як стакан чой нушидан; ~ **до капли** як қатра ҳам намонда нушидан 2. *за кого-что и без доп.* ба шарафи касе, чизе нушидан; ~ **за юбиляра** ба шарафи соҳибҷашн нушидан ◇ ~ **[горькую] чашу до дна** азобу уқубати бисьёре кашидан

выпихивать *несов. см.* **выпихнуть**

выпихиваться *несов. страд.* тела дода баровaрда шудан, фишор дода баровaрда шудан, зада баровaрда шудан

выпихнуть *сов. кого-что разг.* тела дода баровардан, фишор дода баровардан, зада баровардан

выплавить *сов. что* гудохта баровардан, об карда баровардан, гудохта ҳосил кардан; ~ **сталь** пулод гудохта баровардан

выплавиться *сов.* гудохта ҳосил шудан

выплавка *ж* 1. (*по знач. гл.* **выплавить**) гудохтабарорй, обкардабарорй 2. металли об карда баровардашуда, миқдори гудохташудаи ягон металл

выплавлять *несов. см.* **выплавить**

выплавляться *несов.* 1. *см.* **выплавиться;** 2. *страд.* гудохта шудан, об карда шудан

выплакать *сов. что* 1. гирьякунон дил холй кардан, гирьякунон ҳикоя кардан, бо гирья гуфта додан; ~ **обиду** гириста-гириста дил холй кардан 2. *разг.* (*выпросить*) бо гирьяву зорй чизе ба даст даровардан ◇ ~ **[все] глаза** аз гирья чашмҳоро варам кунондан

выплакаться *сов.* бисьёр гириста дили худро холй кардан

выплакивать *несов. см.* **выплакать**

выплакиваться *несов.* 1. *см.* **выплакаться;** 2. *страд.* бо гирьяву зорй ба даст даровaрда шудан

выплата *ж* (*по знач. гл.* **выплатить**) пулдиҳй, адо кардан(и); қарзро пардохтан(и)

выплатить *сов. что* 1. пул додан, адо кардан, пул дода адо кардан; ~ **зарплату** маош додан 2. пардохтан; ~ **долг** қарз пардохтан

выплачивание *с см.* **выплата**

выплачивать *несов. см.* **выплатить**

выплачиваться *несов. страд.* пул дода адо карда шудан; пардохта шудан

выплёвывание *с* (*по знач.* **выплюнуть**) туф карда партофтан(и)

выплёвывать *несов. см.* **выплюнуть**

выплёвываться *несов. страд.* туф карда партофта шудан

выплескать *сов. что* рехтан, лаппонда рехтан, рехта партофтан, пошидан; ~ **воду** обро лаппонда рехтан

выплескаться *сов.* рехтан, ҷунбида (лаппида) рехтан

выплёскивание *с* (*по знач. гл.* **выплескать** *и* **выплеснуть**) рехтан(и), рехта партофтан(и)

выплёскивать *несов. см.* **выплескать** *и* **выплеснуть**

выплёскиваться *несов.* 1. *см.* **выплеснуться;** 2. *страд.* рехта шудан, лаппида рехта шудан

выплеснуть *сов. однокр. что* рехтан, якбора рехтан, рехта партофтан

выплеснуться *сов. однокр.* якбора рехтан

выплести *сов. что* 1. кушода гирифтан, кушода баровардан; ~ **ленту из косы** лентаро аз гесу кушода баровардан 2. бофтан, бофта тайёр кардан; ~ **сети** тур бофтан, тўри моҳигирй бофтан

выпле||стись *сов.* кушода шуда рафтан (афтидан); **лента** ~**лась из косы** лента аз кокул кушода шуда афтидааст

выплетать *несов. см.* **выплести**

выплетаться *несов.* 1. *см.* **выплестись;** 2. *страд.* кушода гирифта шудан

выплывать *несов. см.* **выплыть**

выплыть *сов.* 1. (*всплыть*) ба руи об баромадан 2. (*добраться вплавь*) шинокунон баромадан 3. *перен.* ногаҳон пайдо (намоён) шудан

выплюнуть *сов. что* туф кардан, туф карда партофтан

выплясывать *несов. что и без доп. разг.* бо ҷидду ҷаҳд рақсидан (рақс кардан), бо кушиш бозй кардан

выпоить *сов. кого* хуронда фарбеҳ кардан, ширмаст кардан; ~ **телёнка** ғусоларо шир хуронда фарбеҳ кардан

выпойка *ж разг. и с.-х. см.* **выпаивание**

выполаскивание *с (по знач. гл.* **выполоскать**) чайқондан(и), об давондан(и)

выполаскивать *несов. см.* **выполоскать**

выполаскиваться *несов. страд.* чайқонда шудан, об давонда шудан

выползание *с (по знач. гл.* **выползти**) хазидабарой, хазида (гавак кашида) баромадан(и)

выползать *несов. см.* **выползти**

выползок *м* пусти партофташуда *(мад. пусти мор, ҳашарот)*

выползти *сов.* 1. хазида баромадан, гавак кашида баромадан; ~ **из ямы** аз чуқурӣ хазида баромадан 2. *перен. разг.* ба зур баромадан, бо машаққат баромадан

выполнени||е *с (по знач. гл.* **выполнить**) иҷро, адо, баҷоовари, баамаловарӣ; ~**е задания** иҷрои супориш; ~**е международных договоров** иҷрои шартномаҳои байналхалқӣ; ~**е обязательств** иҷрои уҳдадорӣ; ~**е плана** иҷрои план; **отчёт о ~и чего-л.** ҳисобот дар хусуси иҷрои чизе

выполнимость *ж* иҷрошавандагӣ; қобили иҷро будан(и); ~ **намеченного плана** иҷрошаванда будан(и) плани пешбинишуда

выполним||ый -ая, -ое (выполним, -а, -о) иҷрошаванда, қобили иҷро; ~**ое поручение** супориши иҷрошаванда

выполнить *сов. что* 1. иҷро (адо) кардан, ба анҷом расондан, ба ҷо овардан; ~ **обязательство** уҳдадориро иҷро кардан 2. кашидан, сохтан; ~ **портрет** сурат кашидан; ~ **макет учебника** макети (тарҳи) китоби дарсиро сохтан

выполнять *несов. см.* **выполнить**

выполня||ться *несов.* 1. иҷро (адо) шудан, ба иҷро расидан, ба ҷо омадан; **план ~ется регулярно** план мунтазам иҷро мешавад 2. *страд.* иҷро карда шудан, ба ҷо оварда шудан

выполоскать *сов. что* чайқондан, об давондан, об гардондан; ~ **бельё** ҷомашуиро покоб кардан // шуста тоза кардан, чайқондан; ~ **чайник** чойникро чайқондан

выполоть *сов. что* хишова кардан; ~ **огород** полизро хишова кардан

выпороток *м* выпороток (1. *гусолаи норасидаи гавазни шимол, ки аз шиками очааш кафонда гирифта мешавад* 2. *пусти ҳамон гусола)*

выпороть I *сов. что* чок кандан; ~ **рукава** чоки остинро кандан

выпороть II *сов. кого (высечь)* задан, куфтан, лат кардан

выпорхну||ть *сов.* парида баромадан, парпанак зада паридан, патаррос зада парида рафтан; **птица ~ла из гнезда** мурғ аз лонааш патаррос зада парида рафт // *перен. разг.* давида баромадан; **девочка ~ла из комнаты** духтарак аз хона дартоз баромад

выпот *м мед.* тарашшуҳ *(моеъ, ки дар холигиҳои бадан дар натиҷаи газак ҷамъ мешавад)*

выпотрошить *сов. кого-что* чок карда тоза кардан, кафонда тоза кардан; ~ **курицу** мурғро чок карда дарунашро тоза кардан

выправить I *сов. что* 1. *(выпрямить)* рост кардан, дуруст кардан 2. *перен.* дуруст (ислоҳ) кардан; ~ **положение** вазъиятро ислоҳ кардан 3. ислоҳ (тасҳеҳ) кардан; ~ **рукопись** дастнависро ислоҳ кардан 4. *разг.* баровардан, дуруст кардан; ~ **рукав рубашки** остини куртаро дуруст кардан

выправить II *сов. что прост. (достать)* ҳуҷҷат гирифтан, ҳуҷҷат ба даст даровардан; ~ **паспорт** паспорт гирифтан

выправи||ться *сов.* 1. рост шудан, ҳамвор шудан; **дерево ~лось** дарахт рост шуд 2. *разг.* дуруст (ислоҳ) шудан; **ученик ~лся** талаба ислоҳ шуд

выправка I *ж* 1. *разг. см.* **выправление**; 2. *(осанка)* қиёфа, қаду қомат, қаду баст; **военная** ~ қаду басти ҳарбиёна

выправка II *ж (по знач. гл.* **выправить** II) гирифтан(и), ба даст даровардан(и)

выправление *с (по знач.* **выправить** I) росткунӣ; дуруст кардан(и), ислоҳ кардан(и)

выправлять I, II *несов. см.* **выправить** I, II

выправляться I *несов.* 1. *см.* **выправиться**; 2. *страд.* дуруст (ислоҳ) карда шудан

выправляться II *несов. страд.* гирифта шудан, ба даст дароварда шудан

выпрастывание *с (по знач. гл.* **выпростать**) холӣ кардан(и); баровардан(и)

выпрастывать *несов. см.* **выпростать**

выпрастываться *несов.* 1. *см.* **выпростаться**; 2. *страд.* холӣ карда шудан; бароварда шудан

выпрашивание *с (по знач. гл.* **выпросить**) илтимос карда гирифтан(и)

выпрашивать *несов. см.* **выпросить**

выпрашиваться *несов.* 1. *см.* **выпроситься**; 2. *страд.* бо илтимос гирифта шудан

выпревание *с (по знач. гл.* **выпреть**) пусида нобудшавӣ; ҷушида нағз пухтан(и)

выпревать *несов. см.* **выпреть**

выпреть *сов.* 1. *(погибнуть — о растениях, посевах)* пусида нобуд шудан 2. *(хорошо свариться) прост.* ҷушида нағз пухтан 3. *прост. (испариться)* андак хушк шудан, камоб шудан

выпроваживание *с (по знач. гл.* **выпроводить**) ҳай кардан(и), рондан(и)

выпроваживать *несов. см.* **выпроводить**

выпроваживаться *несов. страд.* ҳай карда шудан, ронда шудан

выпроводить *сов. кого разг.* ҳай кардан, рондан, бароварда фиристодан, берун кардан

выпросить *сов. что, чего* илтимос карда гирифтан; ~ **отсрочку уплаты долга** муҳлати адои қарзро бо илтимос дарозтар кардан

выпроситься *сов. разг.* илтимос карда рухсат гирифтан

выпростать *сов. что прост.* 1. холӣ (тиҳӣ) кардан 2. баровардан, берун баровардан; ~ **руки из-под одеяла** дастҳоро аз зери курпа баровардан

выпростаться *сов. прост.* холӣ (тиҳӣ) шудан

выпрыгивание *с (по знач. гл.* **выпрыгнуть**) ҷаҳида баромадан(и), паридан(и)

выпрыгивать *несов. см.* **выпрыгнуть**

выпрыгнуть *сов.* ҷаҳида (ҷаста) баромадан, ҳаллос зада паридан

выпрягание *с (по знач. гл.* **выпрячь**) кушодан(и), баровардан(и), яла кардан(и)

выпрягать *несов. см.* **выпрячь**

выпрягаться *несов.* 1. *см.* **выпрячься**; 2. *страд.* кушода шудан, бароварда шудан, яла карда шудан

выпрядать *несов. см.* **выпрясть**

выпрядаться *несов. страд.* ресида шудан

выпрямитель *м* росткунак *(асбоби ба ҷараёни доимӣ гардондани ҷараёни тағйирёбандаи электрик)*

выпрямить *сов. что* рост кардан; ~ **согнувшийся гвоздь** мехи каҷро рост кардан ◇ ~ **ток** *эл.* ҷараёнро рост кардан *(ҷараёни тағйирёбандаи электрикро ба ҷараёни доимӣ гардондан)*

выпрямиться *сов.* рост шудан; қади худро рост кардан

выпрямление *с (по знач. гл.* **выпрямить**) росткунӣ; *(по знач. гл.* **выпрямиться**) ростшавӣ

выпрямлять *несов. см.* **выпрямить**

выпрямляться *несов.* 1. *см.* **выпрямиться**; 2. *страд.* рост карда шудан

выпрясть *сов. что* ресидан

выпрячь *сов. кого-что* кушодан, баровардан, яла кардан; ~ **лошадь из телеги** аспро аз ароба кушодан

выпря||чься *сов.* кушода шудан, баромадан; **лошадь ~глась** асп аз ароба кушода шуд

выпугивать *несов. см.* **выпугнуть**

выпугнуть *сов. кого прост.* тарсонда ҳай кардан

выпукло *нареч.* 1. барҷаста 2. *перен.* барҷаста, возеҳ; **изобразить** ~ барҷаста тасвир кардан

выпуклост||ь *ж* 1. барҷастагӣ; ~**ь купола** барҷастагии гунбаз 2. дунгӣ; ~**и черепа** дунгиҳои косахонаи сар 3. *перен. (яркость, отчётливость)* возеҳият, возеҳ будан(и); ~**ь образа** возеҳияти образ

выпукл||ый, -ая, -ое 1. барҷаста, дунг; ~**ое стекло** шишаи барҷаста; ~**ые буквы** ҳарфҳои барҷаста; ~**ый лоб** пешонаи дунг 2. *перен. (отчетливый)* барҷаста, возеҳ

выпуск *м* 1. *(по знач. гл.* **выпустить**) барориш, нашр; роҳдиҳӣ, сардиҳӣ, озод (раҳо) кардан(и); тайёр кардан(и), партофтан(и); ~ **лотерейных билетов** баровардани билетҳои

лотерея; ~ **продукции** барориши маҳсулот 2. ҷилд, ҷузъ; **книга издана в нескольких выпусках** китоб дар чанд ҷузъ нашр шудааст 3. тамомкунандагон, хатмкунандагон; ~ **прошлого года** тамомкунандагони соли гузашта 4. *обл.* (*выгон*) чарогоҳ 5. *тех.* барориш, резиш (*рехтани металли гудохта аз печи домна; миқдори металли гудохта, ки ба якборагӣ аз домна бароварда мешавад*)

выпускание *с см.* **выпуск** 1

выпускать *несов. см.* **выпустить**

выпускаться *несов. страд.* бароварда шудан; сар дода (озод карда) шудан; тайёр карда шудан; партофта шудан

выпускающий, -ая, -ее 1. *прич.* бароранда; сардиҳанда, раҳокунанда 2. *в знач. сущ.* **выпускающий** *м полигр.* саҳҳоф, саҳифабанд (*назораткунандаи чоп, мутасаддии саҳифабандӣ*)

выпускник *м* тамомкунанда, хатмкунанда, талабаи синфи (курси) охирин

выпускница *ж* тамомкунанда, толибаи хатмкунанда, толибаи синфи (курси) охирин

выпускн||ой, -ая, -ое 1. бароранда, сардиҳанда, холикунанда; ~**ой клапан** сарпушаки бароранда; ~**ое отверстие** шикофи сардиҳанда 2. тамомкунанда, ниҳоӣ, ...и хатм; ~**ой экзамен** имтиҳони ниҳоӣ (хатм); ~**ой вечер** зиёфати хатм, шабнишинии хатмкунандагон

выпустить *сов.* 1. *кого* роҳ додан; сар додан, озод (раҳо) кардан; рухсат додан // *кого-что* баровардан, ҳай кардан; ~ **коров на луг** говҳоро ба алафзор ҳай кардан // *что* сар додан, равондан; ~ **воду из ванны** оби ваннаро сар додан // *кого-что* аз даст додан; ~ **вожжи из рук** лаҷомро аз даст додан 2. *кого* (*освободить*) озод кардан; ~ **из тюрьмы** аз ҳабсхона озод кардан 3. *кого* (*подготовить*) тайёр кардан, тайёр карда баровардан 4. *что* (*произвести*) баровардан, истеҳсол кардан; ~ **новую марку машины** навъи нави мошин баровардан // (*пустить в обращение, в действие*) баровардан; ~ **облигации** облигация баровардан // (*издать*) чоп кардан, баровардан; ~ **книгу** китоб баровардан 5. *что* (*исключить*) баровардан, хориҷ кардан, партофтан; ~ **одну главу** як бобро партофтан 6. *что* (*выставить наружу*) баровардан, ёзондан; ~ **когти** чангол ёзондан 7. *что* васеътар кардан; дарозтар кардан; ~ **платье** куртаро дарозтар кардан ◇ ~ **снаряд** (**пулю**) тир андохтан; ~ **в свет** нашр (чоп) кардан, баровардан; ~ **в трубу** 1) *кого* ғорат кардан, хонавайрон кардан 2) *что* исроф кардан; ~ **из виду** (**из вида**) аз мадди назар афтондан; ~ **из памяти** аз хотир баровардан, фаромуш кардан; ~ **из рук** аз даст додан

выпутать *сов. кого-что* озод кардан, аз ишкел баровардан, аз дом халос кардан // *перен.* аз ҳолати вазнин баровардан; ~ **из беды** аз бало халос кардан

выпутаться *сов.* 1. халос шудан, растан, раҳоӣ ёфтан 2. *перен.* аз ҳолати вазнин баромадан

выпутывать *несов. см.* **выпутать**

выпутываться *несов.* 1. *см.* **выпутаться**; 2. *страд.* халос карда шудан, раҳонда шудан

выпучивать *несов. см.* **выпучить**

выпучиваться *несов.* 1. *см.* **выпучиться**; 2. *страд.* барҷаста карда шудан; пеш бароварда шудан

выпучить *сов. что разг.* барҷаста кардан, пеш баровардан; дамондан, варам кунондан ◇ ~ **глаза** *прост.* чашмро аз косахонааш баровардан

выпучиться *сов. разг.* барҷаста шудан, пеш баромадан

выпушка *ж* канора, лаблула, мағзи, зеҳ

выпытать *сов. что разг.* сир гирифтан; ~ **секрет** сир гирифтан

выпытывание *с* (*по знач. гл.* **выпытать**) сир гирифтан(и)

выпытывать *несов. см.* **выпытать**

выпытываться *несов. страд.* сир гирифта шудан

выпь *ж* даканг (*хели кулангe, ки дар ботлоқ зиндагӣ мекунад ва овози баланди бадвоҳима дорад*)

выпяливать *несов. см.* **выпялить**

выпяливаться *несов.* 1. *см.* **выпялиться**; 2. *страд.* барҷаста карда шудан, пеш бароварда шудан

выпялить *сов. что прост. и обл.* барҷаста кардан, дамондан, пеш баровардан, баровардан ◇ ~ **глаза** чашмро аз косахона баровардан

выпялиться *сов. прост. и обл.* барҷаста шудан, пеш баромадан, дамидан

выпятить *сов. что разг.* 1. пеш баровардан, барҷаста кардан, варам кунондан, дамондан; ~ **живот** шикамро пеш баровардан 2. *перен.* аз ҳад зиёд намоён кардан

выпятиться *сов. разг.* 1. пеш баромадан, барҷаста шудан 2. *перен.* аз ҳад зиёд намоён шудан, худро аз ҳад зиёд намоён кардан

выпячивание *с* (*по знач. гл.* **выпятить**) пеш баровардан(и), барҷаста кардан(и); аз ҳад зиёд намоён кардан(и), дамондан(и)

выпячивать *несов. см.* **выпятить**

выпячиваться *несов.* 1. *см.* **выпятиться**; 2. *страд.* пеш бароварда шудан, барҷаста карда шудан; аз ҳад зиёд намоён карда шудан, дамонда шудан

вырабатывание *с* (*по знач. гл.* **выработать**) кор кардан(и), кор карда баровардан(и), истеҳсол, бароварда тамом кардан(и)

вырабатывать *несов. см.* **выработать**

вырабатываться *несов.* 1. *см.* **выработаться**; 2. *страд.* кор карда шудан, истеҳсол карда шудан, тайёр карда шудан; бароварда тамом карда шудан

выработать *сов. что* 1. кор кардан, баровардан, кор карда баровардан, истеҳсол кардан, тайёр кардан; ~ **много продукции** миқдори зиёде маҳсулот баровардан 2. *перен.* тайёр кардан, тартиб додан; ~ **план действий** нақшаи амалиётро тартиб додан 3. ҳосил кардан, тарбия додан, парваридан; ~ **настойчивость** суботкорӣ парваридан 4. кор кардан, ҳақ гирифтан, ба даст овардан; ~ **пятьсот трудодней** панҷсад рузи меҳнат кор кардан 5. *горн.* то охир истихроҷ кардан

выработаться *сов.* 1. пайдо шудан, ба вуҷуд омадан 2. (*стать кем-л.*) гардидан, шудан 3 *горн.* то охир истихроҷ шудан

выработк||а *ж* 1. *см.* **вырабатывание**; 2. (*количество*) коркард, маҳсулот, миқдори маҳсулот; **повысить норму** ~**и** нормаи коркардро зиёд кардан 3. *разг.* (*качество*) кор 4. *чаще мн.* **выработки** *горн.* кон

выравнивание *с* (*по знач. гл.* **выровнять**) ҳамвор (тахт, баробар, рост) кардан(и)

выравнивать *несов. см.* **выровнять**

выравниваться *несов.* 1. *см.* **выровняться**; 2. *страд.* ҳамвор (тахт, рост) карда шудан; баробар карда шудан

выражать *несов. см.* **выразить**

выражаться *несов.* 1. *см.* **выразиться**; 2. *прост. и обл.* ҳақорат кардан, дашном додан 3. *страд.* ифода (изҳор) карда шудан

выражени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **выразить**) ифода, изҳор, баён; ~**е благодарности** изҳори ташаккур 2. ифода, зуҳур, зуҳурот; **цена является денежным** ~**ем стоимости** нарх ифодаи пулии арзиш аст 3. намуд, афт, қиёфа, башара; **следить за** ~**ем лица собеседника** ба қиёфаи ҳамсуҳбат нигоҳ кардан 4. ибора, таъбир; **образные** ~**я** ибораҳои образнок; **алгебраическое** ~**е** ифодаи алгебрӣ ◇ **без** ~**я** (**говорить, читать**) якзайл, якнавохт, бе шавқ (гап задан, хондан); **с** ~**ем** (**читать**) бофасоҳат, бурро (хондан)

выразитель *м* ифодакунанда, изҳоркунанда, баёнкунанда, гуянда

выразительница *женск. к* **выразитель**

выразительно *нареч.* муассирона, маънидорона, бо завқ; ~ **посмотреть** маънидорона нигоҳ кардан

выразительность *ж* пурмаъноӣ, муассирӣ; фасоҳат, возеҳӣ; ~ **стиха** фасоҳати шеър

выразительн||ый, -ая, -ое (выразите|лен, -льна, -льно) 1. пурмаъно, муассир, таъсирбахш; ~**ые глаза** чашмони фаттон 2. бурро, фасеҳ, возеҳ; ~**ая речь** нутқи фасеҳ

выразить *сов. что* 1. ифода (изҳор, баён) кардан, тасвир кардан; ~ **гнев** изҳори хашм кардан; ~ **согласие** ризоият додан; **коротко** ~ **мысль** фикрро мухтасар баён кардан 2. нишон додан, ифода кардан (*бо ягон воҳиди ченкунӣ ва ғ.*); ~ **мощность**

в ва́ттах қувватро бо ватт ифода кардан

вырази||ться *сов.* 1. ифода (зоҳир, ҳувайдо, маълум, намоён) шудан; **на его́ лице́ ~лась недове́рчивость** дар киёфаи у аломати нобоварӣ зоҳир шуд 2. гуфтан, баён кардан, гап задан; **он неуда́чно ~лся** у бемавқеъ сухан гуфт 3. иборат будан; шудан; **расхо́ды ~лись в ста рубля́х** хароҷот сад сум шуд

выраста́ние *с* (*по знач. гл.* **вы́расти**) калоншавӣ; баландшавӣ; зиёдшавӣ; сабзиш

выраста́ть *несов. см.* **вы́расти**

вы́расти *сов.* 1. калон шудан; **де́ти вы́росли за ле́то** бачаҳо дар зарфи тобистон калон шуда монданд; **он вы́рос в степя́х** вай дар дашт калон шудааст; (*стать взрослым*) болиғ шудан // *из чего разг.:* **он вы́рос из ста́рого пальто́** пальтои кӯҳна бароям хурд (танг) шудааст 2. афзудан, зиёд шудан; **дохо́ды колхо́зников вы́росли** даромади колхозчиён афзуд 3. *перен.* пухта шудан, такмил (инкишоф) ёфтан, тараққӣ кардан; **он вы́рос на э́той рабо́те** вай дар ҳамин кор пухта шудааст 4. *в кого-что* гардидан, табдил ёфтан, бадал шудан; **ма́ленький отря́д вы́рос в полк** отряди хурд ба полк табдил ёфтааст 5. руидан, сабзидан, баромадан; **вы́росла борода́** риш баромад; **сорняки́ вы́росли** алафҳои бегона руидаанд 6. пайдо (намоён, намудор) шудан; **пе́ред на́ми вы́росла чья́-то фигу́ра** дар пеши назарамон касе пайдо шуд ◇ ~ **в чьи́х-л. глаза́х** дар пеши назари касе эътибор (обру) пайдо кардан

вы́растить *сов. кого-что* 1. парвариш (калон) кардан; руёндан, ба воя расондан, сабзондан; ~ **дете́й** бачаҳоро калон кардан; ~ **де́рево** дарахтро руёндан 2. *перен.* расондан; тайёр (тарбия) кардан; ~ **ка́дры** кадрҳо тайёр кардан

выра́щивание *с* (*по знач. гл.* **вы́растить**) парвариш, руёндан(и); тарбия, тайёркунӣ; ~ **плодо́вых дере́вьев** парвариши дарахтҳои мева

выра́щивать *несов. см.* **вы́растить**

выра́щиваться *несов. страд.* калон карда шудан, ба воя расонда шудан; руёнда шудан; тарбия дода шудан; тайёр карда шудан

вы́рвать I *сов.* 1. *что* кандан, канда баровардан (гирифтан); ~ **зуб** дандон кандан // *кого-что* рабудан, кашида гирифтан; ~ **из рук кни́гу** китобро аз даст кашида гирифтан 2. *что перен.* ба коре маҷбур кардан, коре кунондан; ~ **призна́ние** иқрор кунондан ◇ ~ **из се́рдца** *кого-что* аз дил канда партофтан; ~ **с ко́рнем** решакан (решаков) кардан

вы́рва||ть II *сов. безл. кого разг.* қай (рад) кардан, партофтан, гардондан; **его́ ~ло** вай қай кард

вы́рва||ться *сов.* 1. халос (озод) шудан, худро халос кардан, халос хурдан, наҷот ёфтан; **~ться из чьи́х-л. рук** аз дасти (аз чанги) касе халос шудан; **~ться на во́лю** озод шудан 2. баромадан, ногаҳон баромадан; **из трубы́ ~лось пла́мя** ногаҳон аз дудкаш аланга баромад // баромадан, ногаҳон баромада мондан; **неча́янно ~лось сло́во** ногаҳон сухане аз даҳон баромад; **у больно́го ~лся стон** бемор ногаҳон нолид 3. даридан, канда шудан; **в кни́ге ~лись страни́цы** якчанд саҳифаи китоб канда шудааст // афтидан; **пиала́ ~лась из рук** пиёла аз даст афтид

вы́рез *м* 1. *см.* **выреза́ние;** 2. (*выемка*) ҷои [кофта] буридашуда, ҷои буридагӣ (кушодагӣ); кушод, яла; **пла́тье с больши́м ~ом** куртаи сари синааш кушод

выреза́ние *с* (*по знач. гл.* **вы́резать**) буриш, буридан(и); бурида сохтан(и); кандакорӣ, ҳаккокӣ

вы́резать *сов.* 1. *что* буридан, бурида ҷудо кардан (партофтан); ~ **о́пухоль** варамро бурида партофтан 2. *что* бурида сохтан; ~ **себе́ па́лку** барои худ чӯб бурида таёқ сохтан 3. *что* кандан, кандакорӣ кардан, ҳаккокӣ кардан; ~ **инициа́лы на доще́чке** ҳарфҳои аввали ном ва номи падарро дар руи тахтача кандан 4. *кого-что* (*истребить*) қатли ом кардан, қир кардан

выреза́ть *несов. см.* **вы́резать**

вы́реза||ться *сов.* 1. бурида шудан, бурида ҷудо шудан; **подгни́вшее ме́сто легко́ ~лось** ҷои пусида ба осонӣ бурида шуд 2. *перен.* равшан намоён шудан, намудор (падидор) гаштан; **вдали́ ~лись верши́ны гор** аз дур қуллаҳои кӯҳ намоён шуданд

выреза́ться *несов.* 1. *см.* **вы́резаться;** 2. *страд.* бурида шудан, бурида ҷудо карда шудан; бурида сохта шудан; канда шудан

вы́резк||а *ж* 1. *см.* **выреза́ние;** 2. ҷои буридашуда; матни бурида гирифташуда; **журна́льные ~и** ҷойҳои бурида гирифташудаи журнал 3. (*мясо*) гушти биқин

вырезн||о́й, -а́я, -о́е ...и кандакорӣ, шабакадор; **~ы́е бу́квы** ҳарфҳои шабакадор; **~а́я решётка** панҷараи шабакадор

вырезыва́ние *с см.* **выреза́ние**

выре́зывать(ся) *несов. см.* **выреза́ть(ся)**

вы́рисовать *сов. что* бо диққат (бо ҳавсала) расм кашидан; ~ **бу́квы** ҳарфҳоро бо диққат навиштан; ~ **ка́ждый листо́чек** расми ҳар як баргро бо диққати тамом кашидан

вы́рисова||ться *сов.* равшан намоён (намудор, падидор) шудан; **~лись очерта́ния бе́рега** тарҳи соҳил равшан падидор шуд

вырисо́вывание *с* (*по знач. гл.* **вы́рисовать**) бо диққат (бо ҳавсала) кашидан(и), дақиқона кашидан(и)

вырисо́вывать *несов. см.* **вы́рисовать**

вырисо́вываться *несов.* 1. *см.* **вы́рисоваться;** 2. *страд.* бо диққат (бо ҳавсала) кашида шудан

вы́ровнять *сов. что* 1. ҳамвор (тахт) кардан; ~ **доро́гу** роҳро ҳамвор кардан 2. (*выпрямить*) рост кардан 3. (*расположить в ряд*) қатор карда рост намудан, саф кашондан, баробар кардан ◇ ~ **шаг** ҳамқадами дигарон шудан (кардан)

вы́ровня||ться *сов.* 1. (*стать ровным, гладким*) ҳамвор (тахт) шудан 2. рост шудан, баробар шудан, саф оростан, қатор шуда истодан; **ряды́ ~лись** қаторҳо баробар шуданд 3. (*подрасти, развиться*) дуруст шудан, комил шудан, калон шуда такмил ёфтан // (*исправиться*) ислоҳ (дуруст) шудан; ботамкин шудан; **хара́ктер ~лся** хулқу атвор ислоҳ шуд

вы́роди||ться *сов.* 1. хароб (вайрон) шудан; **э́та я́блоня ~лась** ин дарахти себ хароб шуд 2. *перен. разг.* аз одамгарӣ баромадан

вы́родок *м разг.* ноҳалаф, пастфитрат

вырожда́емость *ж* инқироз, таназзул

вырожда́ться *несов. см.* **вы́родиться**

вырожде́нец *м* бадзот, ноҷинс, ноҳалаф

вырожде́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **вы́родиться**) харобшавӣ 2. инқироз, таназзул, инҳитот; **при́знаки ~я** аломатҳои инқирози насл

вырожде́нческий, -ая, -ое 1. ...и инқироз 2. ...и ноҳалаф

вы́рои||ться *сов. пчел.* хона (лона) кардан (*аз оилаи кӯҳна ҷудо шуда, оилаи нав пайдо кардан*); **пчёлы ~лись** занбурони асал хона карданд

вы́ронить *сов. кого-что* галтондан, афтондан, афтонда гум кардан; ~ **запи́ску** хатчаро афтондан

вы́рост *м* 1. *прост. см.* **выраста́ние;** 2. *бот.* гурм, ғуррӣ

вы́ростков||ый, -ая, -ое *кож.* ...и чарми гусола; **~ые сапоги́** музаи чарми гусола

вырастн||о́й, -ая, -о́е *рыб.* ...и парвариш, ...и сабзонидан; ...и афзоиш; **~о́е рыбово́дное хозя́йство** хоҷагии моҳипарварӣ

вы́росток *м* 1. *кож.* пусти гусола 2. *обл.* (*выращенное дома животное*) хоназод, хонагӣ

вы́руб *м обл. см.* **вы́рубка** 1

выруба́ние *с см.* **вы́рубка** 1

выруба́ть *несов. см.* **вы́рубить**

выруба́ться *несов.* 1. *см.* **вы́рубиться;** 2. *страд.* бурида шудан, бурида нест карда шудан; тарошида тайёр карда шудан

вы́рубить *сов. что* 1. буридан, бурида нест кардан; ~ **ро́щу** чакалакро бурида нест кардан; ~ **ёлку в лесу́** аз беша дарахти арча бурида овардан 2. бурида овардан, шикаста гирифтан; ~ **кусо́к льда** як порча ях шикаста гирифтан; ~ **ни́шу в стене́** дар девор тоқча кандан 3. тарошидан, тарошида хомтайёр кардан; ~ **фигу́ру челове́ка из ка́мня** аз санг ҳайкали одам тарошидан 4. *горн.* кандан, канда баровардан, тайёр кардан, ҳосил кардан (*мас.*

маъдан) ◇ ~ **снасть** *мор.* порае аз арғамчин бурида гирифтан

вы́рубиться *сов.* бурида барои худ роҳ кушодан, дарахт бурида аз ҷое баромадан

вы́рубка *ж* 1. (*по знач. гл.* **вы́рубить**) буридан(и), бурида, нест кардан(и); бурида баровардан(и); кандан(и); ~ **ле́са** дарахтбурӣ, бурида нест кардани дарахтзор 2. нишона, аломат; ~ **в бревне́** нишонае дар ғӯла 3. *(площадь рубки)* майдони (ҷои) дарахтбурӣ, майдони (ҷои) дарахт буридашуда

вы́рубщик *м* дарахтбур *(касе, ки ҷангал мебурад)*

вы́ругать *сов. кого-что разг.* ҳақорат (нафрин) кардан, дашном додан

вы́ругаться *сов. разг.* ҳақорат (нафрин) кардан, дашном додан, носазо гуфтан

выру́ливать *несов. см.* **вы́рулить**

вы́рули||ть *сов. ав.* 1. *что* самолётро дар руи замин ронда ба ҷое баровардан; ~**ть на старт** самолётро ба ҷои парвоз баровардан 2. дар руи замин ҳаракат карда ба ҷое расидан (омадан); **самолёт** ~**л на ро́вную пло-ща́дку** самолёт ба майдончаи тахт омада истод

выруча́ть *несов. см.* **вы́ручить**

выруча́ться *несов.* 1. *см.* **вы́ручиться**; 2. *страд.* халос (ҳимоя) карда шудан; дастгирӣ карда шудан

вы́ручить *сов. разг.* 1. *кого-что уст.* гашта гирифтан, гашта ба даст даровардан; ~ **распи́ску** дастхатро гашта гирифтан 2. *кого-что* халос кардан; ёрӣ расондан, ку́мак кардан; ~ **из беды́** аз бало халос кардан 3. *что (получить)* фоида бурдан, пулнок шудан, пул ба даст даровардан; ~ **де́ньги от прода́жи** аз фурухтани чизе пул ба даст даровардан

вы́ручиться *сов. разг.* 1. халос шудан 2. ба даст омадан, ҳосил шудан

вы́ручк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **вы́ручить** 2) халосгарӣ; ёрӣ, кумак; **вза-и́мная** ~**а** шафоати (ёрии) ҳамдигарӣ; **спеши́ть на** ~**у** ба ёрӣ шитофтан 2. *(деньги)* пули фуруш (савдо); **днев-на́я** ~**а** пули савдои рӯзона 3. *уст. (конторка, ящик)* пулдони пешдукон, пешдукони қуттидор *(барои нигоҳ доштани пул)*

вырыва́ние I *с* (*по знач. гл.* **вы́рвать** I) кандан(и), канда баровардан(и); кашида гирифтан(и)

вырыва́ние II *с* (*по знач. гл.* **вы́рыть**) кофтан(и), кандан(и); кофта баровардан(и)

вырыва́ть I *несов. см.* **вы́рвать** I

вырыва́ть II *несов. см.* **вы́рыть**

вырыва́||ться I *несов.* 1. *см.* **вы́рваться**; 2. ба халосӣ саъй кардан, барои озод шудан кушиш кардан, худро ба ҳар тараф задан; **ребёнок** ~**лся из рук ма́тери** кудак дар дасти модар худро ба ҳар тараф мезад 3. *страд.* канда шудан, канда бароварда шудан, кашида гирифта шудан

вырыва́ться II *несов. страд.* кофта (канда) шудан; кофта бароварда шудан

вы́рыть *сов. что* 1. кофтан, кандан; ~ **я́му** хандақ кофтан 2. кофта (канда) баровардан, аз замин кофта баровардан; ~ **ка́мень** харсангро аз замин кофта баровардан ◇ ~ **про́пасть ме́жду ке́м-л.** миёни ду кас ҷудой андохтан

вы́рядить *сов. кого-что прост.* орову торо додан

вы́рядиться *сов. прост.* худро орос-тан

выряжа́ть *несов. см.* **вы́рядить**

выряжа́ться *несов.* 1. *см.* **вы́рядить-ся**; 2. *страд.* орову торо дода шудан

вы́садить *сов.* 1. *кого* фуровардан, поин овардан; ~ **кого́-л. из ваго́на** касеро аз вагон фуровардан 2. *что* кучат кардан; ~ **помидо́рную расса́ду** помидор кучат кардан 3. *что прост.* зада баровардан, зада шикастан; ~ **за́пертую дверь** дари бастаро зада шикастан

вы́садиться *сов.* фуромадан, пиёда шудан, поин омадан

вы́садка *ж* (*по знач. гл.* **вы́садить** *и* **вы́садиться**) фуровардан(и); фуромадан(и), поин омадан(и); кучат кардан(и); ~ **деса́нта** фуровардани десант; ~ **цвето́в** кучат кардани гул

вы́садки *мн. с.-х.* (*ед* **вы́садок** *м*, **вы́садка** *ж*) ниҳол, кучат

выса́живание *с см.* **вы́садка**

выса́живаться *несов.* 1. *см.* **вы́са-диться**; 2. *страд.* фуроварда шудан; кучат карда шудан

высасывание *с* (*по знач. гл.* **вы́со-сать**) ҷаббидан(и), макидан(и), макида баровардан(и), макида (ҷаббида) гирифтан(и)

выса́сывать *несов. см.* **вы́сосать**

выса́сываться *несов. страд.* макида (ҷаббида) шудан, макида бароварда шудан, макида гирифта шудан

высватать *сов. кого уст. и обл.* ноншиканон кардан

высва́тывать *несов. см.* **высватать**

высве́рливание *с* (*по знач. гл.* **вы́-сверлить**) пармагарӣ, парма кардан(и)

высве́рливать *несов. см.* **высверлить**

высве́рливаться *несов.* 1. *см.* **вы-сверлиться**; 2. *страд.* парма карда шудан

вы́сверлить *сов. что* парма кардан

вы́сверлиться *сов.* парма шудан

высветить *сов. кого-что разг.* равшан карда намудан

вы́светлить *сов. что разг.* равшан кардан, дурахшон (тобон) кардан

вы́светлиться *сов. разг.* равшан шудан, дурахшон (тобон) шудан

вы́свистать *сов. разг.* 1. *что (исполнить)* ҳуштак кашидан 2. *кого (вызвать)* ҳуштак кашида ҷеғ задан

высви́стывание *с* (*по знач. гл.* **вы́-свистать** I) ҳуштаккашӣ

высви́стыва||ть *несов.* 1. *см.* **высви-стать**; 2. *разг.* бо шиддат (баланд) ҳуштак кашидан; **за окно́м** ~**ла ме-тель** дар кӯча бурон бо шиддат ҳуштак мекашид

высви́стываться *несов. страд.* ҳуштак кашида шудан

вы́свободи||ть *сов. кого-что* 1. озод (халос, фориғ, раҳо) кардан, наҷот додан; **механиза́ция** ~**ла часть ра-бо́чей си́лы** механизация як қисми қувваи коргарнро озод кард 2. баровардан, кашида баровардан, берун кардан; ~**ть но́гу из стре́мени** пойро аз рикоб баровардан

вы́свободи||ться *сов.* 1. озод (халос, раҳо) шудан, наҷот ёфтан; фориғ шудан; ~**ться из объя́тий** аз оғуш раҳо шудан 2. зиёдӣ карда мондан; холӣ шудан; ~**лись де́ньги** пул зиёдӣ карда монд

высвобожда́ть *несов. см.* **вы́свободить**

высвобожда́ться *несов.* 1. *см.* **вы́-свободиться**; 2. *страд.* озод (халос) карда шудан, наҷот дода шудан; бароварда шудан

высвобожде́ние *с* (*по знач. гл.* **вы́-свободить**) озод (халос, фориғ, раҳо) кардан(и), наҷотдиҳӣ, раҳониш, ка-шида баровардан(и); (*по знач. гл.* **вы́-свободиться**) озодшавӣ, халосшавӣ, ра-хоёбӣ, наҷотьёбӣ; фориғшавӣ

вы́сев *м* 1. (*по знач. гл.* **вы́сеять**) кишт, коштан(и), коридан(и) 2. миқдори тухми кошташуда

высева́ние *с см.* **вы́сев** 1

высева́ть *несов. см.* **вы́сеять**

высева́ться *несов.* 1. *см.* **вы́сеяться**; 2. *страд.* кошта (пошида) шудан

вы́севки *тк. мн.* пасмондаи элак, таҳмондаи ғилбор

высе́иваться *несов.* 1. *см.* **вы́сеяться**; 2. *страд.* кошта (пошида) шудан

высека́ние *с* (*по знач. гл.* **вы́сечь** I) кандан(и), кандакорӣ кардан(и); тарошидан(и)

высека́ть *несов. см.* **вы́сечь** I

высека́ться *несов.* 1. *см.* **вы́сечься**; 2. *страд.* канда шудан, кандакорӣ карда шудан; тарошида шудан

вы́селенец *м* муҳоҷир, кучондашуда

выселение *с* (*по знач. гл.* **вы́селить**) баровардан(и), рондан(и); кучондан(и), муҳоҷират, муҳоҷирӣ; (*по знач. гл.* **вы́селиться**) кучиш, кучидан(и)

вы́селенка *женск. к* **вы́селенец**

вы́селить *сов. кого-что* 1. баровардан, рондан, ҳай кардан; ~ **из квар-ти́ры** аз хона баровардан 2. кӯчондан, муҳоҷир кардан; ~ **в друго́е ме́сто** ба ҷои дигар кӯчондан

вы́селиться *сов.* кучидан, муҳоҷират кардан

вы́селки *мн.* (*ед.* **вы́селок** *м*) деҳа-чаи нав

выселя́ть *несов. см.* **вы́селить**

выселя́ться *несов.* 1. *см.* **вы́селиться**; 2. *страд.* бароварда шудан, ҳай карда шудан; кучонда шудан, муҳоҷир карда шудан

вы́семени||ться *сов.* **с.-х.** тухм рехтан *(дар бораи растании тухмаш пухтагӣ)*; **тра́вы** ~**лись** алафҳо тухм рехтанд

высеребрить *сов. что* симандуд кардан, нуқра давондан

вы́сечка *ж см.* **высека́ние**

вы́сечь I *сов. что (на камне)* кан-

дан, кандакорӣ кардан; ~ **надпись на скале** дар рӯи санг кандакорӣ кардан // *(из камня)* тарошидан; ~ **памятник из мрамора** аз мармар ҳайкал тарошидан ◇ ~ **огонь (искру)** чақмоқ зада оташ баровардан

высечь II *сов. кого* задан, куфтан, лат кардан; ~ **розгами** бо химча задан, калтаккорӣ кардан

высеять *сов. что* 1. коштан, поши-дан; ~ **семена** тухм коштан 2. *(просеять)* бехтан, элак (ғалбер) кардан

высеяться *сов.* тухм рехтан *(оид ба растанӣ)*

высиде||ть *сов.* 1. *разг.* нишастан; **~ть весь вечер дома** тамоми шаб дар хона нишастан 2. *кого* тухм зер карда чуҷа баровардан; **наседка ~ла цыплят** мокиён чуҷа баровард 3. *что перен. прост.* пайдо кардан, ҳосил кардан, ба даст даровардан

высидка *ж* 1. *(по знач. гл.* **высидеть** 2) *разг.* чуҷабарорӣ; ~ **цыплят** чуҷабарорӣ 2. *уст. прост.* нишастан(и), дар ҳабс будан(и)

высиживание *с (по знач. гл.* **высидеть)** нишастан(и); чуҷабарорӣ

высиживаться *несов. страд.* чуҷа бароварда шудан

высинивать *несов. см.* **высинить**

высиниваться *несов. страд.* кабуд карда шудан

высинить *сов. что разг.* кабуд кардан; ранги кабуди баланд молидан

выси||ться *несов.* ба назар намудан, нуги чизе намудан; **вдали ~лись башни** аз дур манораҳои баланд намоён буданд

выскабливание *с (по знач. гл.* **выскоблить)** тарошидан(и), харошидан(и), зудудан(и)

выскабливать *несов. см.* **выскоблить**

выскабливаться *несов. страд.* тарошида шудан, зудуда шудан

высказать *сов. что* гуфтан, баён (ифода)кардан, гуфта додан; ~ **своё мнение** фикри худро баён кардан; ~ **предположение** фарзу тахмин кардан; **всё ~** буду шуди (тамоми) гапро гуфтан

высказаться *сов.* фикри худро баён кардан, изҳори ақида кардан; **дайте ему ~** бигузоред, у фикрашро гуяд; ~ **до конца** тамоми гапро гуфтан, дил холӣ кардан; ~ **за предложение** таклиферо тарафдорӣ кардан; ~ **против** зид баромадан

высказывани||е *с* 1. *(по знач. гл.* **высказать** *и* **высказаться)** баён, изҳор; **~е своего мнения** баёни фикри худ 2. фикри баёншуда, ақида, гуфта, мулоҳиза; **~я классиков марксизма-ленинизма о языке** гуфтаҳои классикони марксизм-ленинизм дар бораи забон

высказывать *несов. см.* **высказать**

высказываться *несов.* 1. *см.* **высказаться**; 2. *страд.* гуфта шудан, баён гардидан, изҳор карда шудан

выскакивать *несов. см.* **выскочить**

выскальзывать *несов. см.* **выскользнуть**

выскоблить *сов. что* 1. тарошидан, тарошида гирифтан; ~ **стол** рӯи мизро тарошида тоза кардан 2. харошида пок кардан, зудудан; ~ **написанное** чизи навишташударо харошида пок кардан

выскользать *несов. см.* **выскользнуть**

выскользнуть *сов.* 1. ғеҷидан, ғеҷида афтидан, парида афтидан; ~ **из рук** аз даст ғеҷида афтидан 2. *перен.* ғайб задан; ~ **из комнаты** аз хона ғайб задан

выскочи||ть *сов.* 1. ҷаҳида баромадан, ҷаста (парида) баромадан; **~ть из окна** ҷаҳида аз тиреза баромадан; **~ть из трамвая** аз трамвай ҷаста фуромадан 2. *разг.* тозон (давида) баромадан; **~ть из-за угла** аз гӯшае давида баромадан; **он ~л мне навстречу** вай тозон аз ру ба руи ман баромад 3. *перен. разг.* пайдо шудан, ба вуҷуд омадан; **от ожога на коже ~ли пузыри** руи пуст сухта обила пайдо кардааст 4. *разг.* афтидан, ғалтидан, афтида мондан; **из часового механизма ~л винтик** аз механизми соат мурватчае афтидааст; **у меня ~л зуб** дандонам афтид 5. *разг. (вмешаться)* аралаш (қати) шудан, ба гап мудохила кардан ◇ **~ть замуж** саросемавор шавҳар кардан; **~ть из головы (из памяти)** тамоман аз хотир баромадан, тамоман фаромуш шудан

выскочка *м, ж разг.* маҳмаддоно, пешхез, нодидаи ба рузрасида, тоза ба руз расида

выскребание *с (по знач. гл.* **выскрести)** тарошида баровардан(и), тарошида тоза кардан(и); кофтан(и)

выскребать *несов. см.* **выскрести**

выскребаться *несов. страд.* тарошида тоза карда шудан; кофта (зудуда) шудан

выскрести *сов. что разг.* 1. тарошида (харошида) баровардан, тарошида (харошида) тоза кардан, зудудан; ~ **сковороду** тобаро тарошида тоза кардан 2. баровардан, берун гирифтан; ~ **золу из печки** хокистарро аз печка баровардан 3. кофтан; ~ **нору** лона кофтан

выслать *сов.* 1. *что* фиристодан, ирсол доштан; ~ **по почте** бо почта фиристодан // *кого-что (направить)* фиристодан, роҳӣ (равона) кардан 2. *кого* равондан, берун кардан; ~ **всех из дому** ҳамаро аз хона берун кардан 3. *кого* бадарға кардан, ҳай кардан, рондан; ~ **за пределы страны** аз ҳудуди мамлакат рондан

выследить *сов. кого-что* аз пай афтода ёфтан, пай бурда (таъқиб карда) ёфтан; ~ **лисицу** аз паи рубоҳ афтода ёфтан

выслеживание *с (по знач. гл.* **выследить)** аз пай афтода (таъқиб карда) ёфтан(и)

выслеживать *несов. см.* **выследить**

выслеживаться *несов. страд.* бо таъқиб ёфта шудан

выслуг||а *ж*: **за ~у лет** барои хизмати дарозмуддат; **за ~ой лет** *уст.* пас аз гузаштани мӯҳлати муайяни хизмат

выслуживание *с (по знач. гл.* **выслужить)** хизмат карда гирифтан(и); ~ **пенсии** хизмат карда гирифтани нафақа

выслуживать *несов. см.* **выслужить**

выслуживаться *несов.* 1. *см.* **выслужиться**; 2. *страд.* бо хизмат ба даст дароварда шудан

выслужить *сов.* 1. *разг.* хизмат (кор) кардан; ~ **срок** муддати муайян хизмат кардан 2. *что (получить за службу)* хизмат карда ба даст даровардан, ба ивази хизмат ноил шудан, хизмат карда гирифтан; ~ **пенсию** хизмат карда нафақа гирифтан

выслужиться *сов.* 1. *перед кем* хушомад гуфтан, тамаллуқ кардан, ба сар давидан; ~ **перед начальством** ба сардорон хушомадгуӣ кардан, ба калонон тамаллуқ карда ба мақсади худ расидан 2. *уст.* дар хизмат пеш рафтан, ба ивази хизмат расидан; ~ **из солдат в офицеры** хизмат карда аз солдати то ба офицерӣ расидан

выслушать *сов. кого-что* 1. гуш кардан, то охир (бо диққат) гуш кардан, шунидан; ~ **посетителя** ба қаси омада гуш додан 2. *мед.* гуш кардан; ~ **лёгкие** шушро гӯш кардан

выслушивание *с (по знач. гл.* **выслушать)** гӯшкунӣ, гӯшдиҳӣ, шунидан(и)

выслушивать *несов. см.* **выслушать**

выслушиваться *несов. страд.* гуш карда шудан, шунида шудан

высмаливать *несов. см.* **высмолить**

высмаливаться *несов.* 1. *см.* **высмолиться**; 2. *страд.* қатрон молида шудан

высматривать *несов.* 1. *см.* **высмотреть**; 2. *разг.* аз пас нигоҳ кардан, пинҳонӣ нигоҳ кардан; ~ **в окно** аз тиреза нигоҳ кардан

высменвание *с (по знач. гл.* **высмеять)** масхара (истеҳзо) кардан(и), хандидан(и)

высмеивать *несов. см.* **высмеять**

высмеиваться *несов. страд.* масхара (истеҳзо) карда шудан

высмеять *сов. кого-что* масхара (мазоҳ, ҳаҷв) кардан

высмеяться *сов. разг.* бисьёр хандидан, аз ханда сер шудан; ~ **вволю** бисьёр хандида гирифтан

высмолить *сов. что* қатрон (қир) молидан, бо қатрон олудан; ~ **лодку** ба заврақ қатрон молидан

высморкать *сов. что:* ~ **нос** бинӣ афшондан

высморкаться *сов. разг.* бинӣ афшондан

высмотреть *сов.* 1. *кого-что* бо диққат нигоҳ карда ёфтан; нигариста хуш кардан, синча кардан, писанд дидан, таги чашм кардан; ~ **в толпе знакомого** ба издиҳоми мардум бо диққат нигоҳ карда ошнои худро ёфтан 2. *что* дида баромадан, тамошо кардан; ~ **все новинки на книжной выставке** дар намоишгоҳи китоб тамоми китобҳои навро дида баромадан 3. *кого-*

что аз пай афтода ёфтан, пинҳонӣ нигоҳ карда ёфтан; ~ **расположение сил противника** маҳалли ҷойгир шудани қувваҳои душманро ёфтан ◇ ~ [**все**] **глаза** *прост.* чашм чор шудан

высовывать *несов. см.* **высунуть**

высовываться *несов.* 1. *см.* **высунуться;** 2. *страд.* бароварда шудан, берун оварда шудан

высок||ий, -ая, -ое (выс|ок, -ока, -око) 1. баланд; қаддароз, қадбаланд: ~**ий потолок** шифти баланд; ~**ий человек** одами қадбаланд, навча; ~**ая местность** ҷои баланд, баландӣ; ~**ая вода** дамиши об 2. фаровон, зиёд; баланд; ~**ий процент** фоизи зиёд; ~**ая температура** ҳарорати баланд; ~**ий урожай** ҳосили фаровон; ~**ое давление** фишори баланд 3. аъло, баланд; ~**ая оценка** баҳои аъло; **работа** ~**ого качества** кори аълосифат 4. фахрӣ, ифтихорӣ: олӣ; олиқадр, муҳтарам; ~**ий гость** меҳмони олиқадр; ~**ое звание** унвони олӣ; ~**ая награда** мукофоти олӣ 5. наҷиб; ~**ие стремления** нияти наҷиб 6. мутантан, баланд, дабдабанок; ~**ий стиль** услуби мутантан 7. (*тонкий — о звуках, голосе*) зер, баланд; ~**ий голос** садои зер; **взять** ~**ую ноту** нотаи баланд гирифтан ◇ ~**ая грудь** синаи дамида (барҷаста); ~**ий лоб** пешонии васеъ (фарох); ~**ая печать** *полигр.* чопи барҷаста; ~**ие сапоги** музаи соқдароз; **быть** ~**ого мнения о ком-чём-л.** ба касе, ба чизе баҳои баланд додан

высоко 1. *нареч.* баланд; **подняться** ~ **в воздух** ба ҳаво баланд парвоз кардан (баромадан); **жить** ~ **в горах** дар кӯҳҳои баланд зистан; ~ **оценить чью-л. работу** ба кори касе баҳои баланд додан 2. *в знач. сказ.* баланд аст; **здесь** ~ ин ҷо баланд аст

высоко- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маъноҳои зерин меояд:* 1) *«хеле», «бисёр», «ба дараҷаи олӣ»* — **высококвалифицированный** баландихтисос; **высокоуважаемый** кироми, бисьёр муҳтарам 2) *дар унвонҳои пешазреволюционӣ — аз ҷиҳати дараҷа баландтар, калонтар:* **высокопревосходительство** ҷаноби олимақом

высокоблагородие *с уст.* (*с мест.* ваше, его, их) ҷаноби олӣ

высоковольтн||ый, -ая, -ое *эл.* баландшиддат (*оид ба ҷараёни электр*); ~**ая линия** сими электри баландшиддат

высокогорный, -ая, -ое баландкӯҳ; ~**ые луга** алафзори баландкӯҳ

высокодоходн||ый, -ая, -ое сердаромад; ~**ое предприятие** корхонаи сердаромад

высокоидейн||ый, -ая, -ое баландғоя; ~**ое произведение** асари баландғоя

высококачественн||ый, -ая, -ое баландсифат, хушсифат, аълосифат; ~**ая продукция** маҳсулоти баландсифат

высококвалифицированный, -ая, -ое баландихтисос; пурмаҳорат; ~ **специалист** мутахассиси баландихтисос

высоколегированн||ый, -ая, -ое: ~**ая сталь** *тех.* пулоди ҷавҳарӣ

высокомасличн||ый, -ая, -ое серравған; ~**ые культуры** зироати серравған

высокомерие *с* ғурур, худписандӣ, такаббур, ҳавобаландӣ

высокомерно *нареч.* мағрурона, худписандона, мутакаббирона

высокомерность *ж см.* **высокомерие**

высокомерный, -ая, -ое (высокомер|ен, -на, -но) мағрур(она), худписанд(она), ҳавобаланд, мутакаббир(она); ~ **человек** одами мағрур; ~ **вид** намуди пуркибр

высокомеханизированн||ый, -ая, -ое хеле (ба дараҷаи баланд) механиконидашуда; ~**ое сельское хозяйство** хоҷагии қишлоқи ба дараҷаи баланд механиконидашуда

высокомолекулярн||ый, -ая, -ое: ~**ые соединения** *физ.* пайвастҳои калонмолекула

высоконравственный, -ая, -ое некахлоқ, хушхулқ

высокообразованный, -ая, -ое доно, фозил, донишманд, хушсавод, фарзон; ~ **человек** одами фозил

высокоодарённый, -ая, -ое баландистеъдод, соҳибистеъдод; ~ **музыкант** машшоқи соҳибистеъдод

высокооплачиваемый, -ая, -ое баландмузд, калонмузд: ~ **труд** меҳнати баландмузд

высокопарно *нареч.* суханпардозона, пурдабдаба, пуртумтароқ; **говорить** ~ суханпардозона гап задан

высокопарность *ж* дабдабанокӣ, тумтароқӣ

высокопарный, -ая, -ое (высокопар|ен, -на, -но) дабдабанок, пуртумтароқ; ~ **стиль** услуби дабдабанок

высокопоставленн||ый, -ая, -ое олимансаб, олирутба, олимақом; ~**ое лицо** шахси олирутба

высокопревосходительство *с уст.* (*с мест.* ваше, его, их) ҷаноби олимақом (*унвони олии ҳарбӣ ва граждании дар Россияи пеш аз революция*)

высокопреосвященство *с церк.* (*с мест.* ваше, его, их) ҳазрат (*унвони руҳониёни олирутба*)

высокопреподобие *с церк.* (*с мест.* ваше, его, их) таксир (*унвони архимандрит, игумен ва протоиерейҳо*)

высокопробн||ый, -ая, -ое комилъиёр, холис, баландмаҳак; ~**ое золото** тиллои комилъиёр, зари холис; ~**ая сталь** пулоди баландсифат

высокопродуктивн||ый, -ая, -ое сермаҳсул, хушзот; ~**ое животноводство** чорводории сермаҳсул; ~**ые породы скота** зотҳои сермаҳсули чорпо

высокопроизводительный, -ая, -ое сермаҳсул; ~ **труд** меҳнати сермаҳсул

высокоразвит||ый, -ая, -ое хеле инкишофьёфта, ба дараҷаи олӣ тараққикарда; ~**ая промышленность** саноати ба дараҷаи олӣ тараққикарда

высокорентабельн||ый, -ая, -ое серфоида; ~**ое предприятие** корхонаи серфоида

высокоскоростн|ой, -ая, -ое баландсуръат; ~ **самолёт** самолёти баландсуръат

высокосортн||ый, -ая, -ое баландсифат, аъло, ...и навъи аъло; ~**ая пшеница** гандуми баландсифат

высокость *ж книжн.* улвият, улув; ~ **мысли** улувви фикр

высокоталантливый, -ая, -ое баландистеъдод, пуристеъдод, хушқареҳа

высокотоварн||ый, -ая, -ое сермаҳсулот, сермол; ~**ое хозяйство** хоҷагии сермаҳсулот

высокоторжественный, -ая, -ое пуртантана, пуршукуҳ

высокоточн||ый, -ая, -ое фавқулдақиқ; ~**ые приборы** асбобҳои фавқулдақиқ

высокоуважаемый, -ая, -ое [бисьёр] муҳтарам

высокоурожайн||ый, -ая, -ое серҳосил, сермаҳсул; ~**ые сорта пшеницы** навъҳои серҳосили гандум

высокохудожественн||ый, -ая, -ое санъаткор(она), баландсанъат; ~**ое произведение** асари баландсанъат

высокоценн||ый, -ая, -ое серғизо; ~**ые продукты** маҳсулоти серғизо

высокочастотный, -ая, -ое *эл.* баландбасомад (*дар бораи ҷараёни электр*)

высокочтимый, -ая, -ое *уст. книжн.* олиқадр, ҷаноб

высокоэффективный, -ая, -ое пурнатиҷа, пурсамара; ~ **метод** усули пурсамара

высосать *сов. что* 1. *из чего* макидан, ҷаббидан, макида гирифтан, тамом макидан; ~ **сок из апельсина** шираи афлесунро макида гирифтан 2. *из кого-чего перен.* (*напр. деньги, сведения*) [кам-кам] кашида гирифтан ◇ ~ **из пальца** *что* аз худ бофтан, аз ҳаво гирифтан

высот||а *ж* 1. баландӣ, иртифоъ; ~**а здания** баландии иморат; ~**а полёта** баландии парвоз; **с** ~**ы второго этажа** аз баландии ошьёнаи дуюм; **с** ~**ы птичьего полёта** аз баландии манора, аз ҷои хеле баланд 2. баландӣ, боло; **парить в** ~**е** баланд паридан; **с заоблачных высот** аз паси абрҳо 3. бузургӣ, баландӣ; ~**а давления** бузургии (баландии) фишор 4. *перен.* дараҷа, савия; **поднять что-л. на должную** ~**у** чизеро (кореро) ба дараҷаи даркорӣ бардоштан 5. теппа; **занять** ~**у** теппаро ишғол кардан 6. *муз.* баландӣ: ~**а голоса** баландии садо ◇ ~**а над уровнем моря** *геогр.* баландии нисбат ба сатҳи баҳр; ~**а треугольника** *мат.* баландии секунҷа; **набрать** ~**у** *ав.* ба авҷи иртифоъ расидан; **командные высоты** мавқеъҳои асосӣ (муҳим); **с** ~**ы своего величия** *ирон.* бо такаббур, бо ғурур, мағрурона, мутакаббирона; **быть** (**находиться**) **на** ~**е** [**положения**] дастболо будан

высотка *ж* теппача, дӯнгӣ

высотник *м* 1. бинокори иншооти баланд 2. лётчики баландпарвоз

высотн||ый, -ая, -ое 1. баланд, боло, ...и баландӣ, ...и боло; ~**ая болезнь** касалии баландӣ, баландитарс 2. бисёр баланд, серошьёна; ~**ое здание**

бинои серошьёна 3. *ав.* бисьёр баланд; баландпарвоз; ~ый **полёт** парвози бисьёр баланд; ~**ый самолёт** самолёти баландпарвоз 4. *геогр.* кӯҳистонӣ; ~**ый пояс растительности** минтақаи кӯҳистонии растаниҳо

высотомер *м тех.* баландисанҷ

высох||нуть *сов.* 1. хушк шудан, қоқ шудан, хушкидан; **земля** ~**ла** замин хушк шуд; **ручей высох** ҷӯйча хушк шуд 2. хушк (пажмурда) шудан: **дерево** ~**ло** дарахт хушк шуд 3. *перен.* лоғар шудан

высочайш||ий, -ая, -ее 1. *превосх. ст. к* **высокий** баландтарин, болотарин 2. *уст.* ...и шоҳ, ...и подшоҳ; **по** ~**ему повелению** бо амри шоҳ

высочённый, -ая, -ое *прост.* хеле баланд, бисьёр дароз

высочество *с:* **его** ~ ҳазрати олӣ, олиҳазрат, волоҳазрат; **её** ~ ульёҳазрат

выспаться *сов.* аз хоб сер шудан

выспевание *с (по знач. гл.* **выспеть)** пухта расидан(и); ~ **плодов** пухта расидани меваҳо

выспевать *несов. см.* **выспеть**

выспеть *сов.* пухтан, расидан

выспрашивание *с (по знач. гл.* **выспросить)** пурсуҷу, пурсуков, пурсуҷу карда фаҳмидан(и)

выспрашивать *несов. см.* **выспросить**

выспренний, -яя, -ее *см.* **высокопарный**

выспренность *ж см.* **высокопарность**

выспросить *сов. что и без доп.* пурсуҷӯ (пурсуков) карда донистан, пурсуҷу карда фаҳмидан; ~ **все новости** тамоми навигариҳоро пурсуков карда донистан

выставить *сов.* 1. *что* баровардан; ~ **рамы** чорчубаҳои тирезаро баровардан 2. *что* берун гузоштан, берун бароварда мондан; ~ **цветы на солнце** гулҳоро бароварда ба офтобрӯя мондан 3. *кого перен. разг.* пеш (ҳай) кардан, рондан; ~ **за дверь кого-л.** кассеро аз хона рондан 4. *что* пеш гузоштан; ~ **ногу** пойро пеш гузоштан 5. *что* барои тамошо гузоштан, намоиш додан; ~ **картины** расмҳоро ба маърази намоиш гузоштан 6. *кого-что* таъин кардан, гузоштан, мондан; ~ **охрану** посбон мондан 7. *кого-что* пешниҳод (пешбарӣ) кардан; ~ **кандидатуру** номзад пешниҳод кардан; ~ **требования** талаб кардан 8. *что* мондан, гузоштан; ~ **отметки** баҳо мондан 9. *кого-что разг.* тасвир кардан, нишон додан; ~ **в смешном виде** хандаовар нишон додан; ~ **в дурном свете** бад нишон додан

выставиться *сов. разг.* сари худро берун баровардан

выставка *ж* намоишгоҳ; **сельскохозяйственная** ~ намоишгоҳи хоҷагии қишлоқ

выставление *с (по знач. гл.* **выставить)** берунгузорӣ; намоишдиҳӣ; таъин кардан(и); мондан(и); пешниҳод кардан(и); тасвир кардан(и); ~ **кандидатов** пешниҳод кардани номзадҳо; ~ **отметок** баҳомонӣ, баҳогузорӣ

выставлять *несов. см.* **выставить**

выставляться *несов.* 1. *см.* **выставиться**; 2. *страд.* баровaрда шудан, берун гузошта шудан; намоиш дода шудан; таъин карда шудан; пешниҳод карда шудан

выставн||ой, -ая, -ое баровардашаванда; ~**ые рамы** чорчубаҳои баровардашаванда

выставочный, -ая, -ое ...и намоишгоҳ; ~ **зал** толори намоишгоҳ

выстаивание *с (по знач. гл.* **выстоять)** истодан(и), рост истодан(и)

выстаиваться *несов. см.* **выстоять(ся)**

выстегать I *сов. что (прошить стежками)* лаганда кардан; ~ **одеяло** кӯрпаро лаганда кардан

выстегать II *сов. кого прост. и обл. (высечь)* задан, кӯфтан, лат кардан

выстёгивать *несов. см.* **выстегать** I

выстелить *сов. разг. см.* **выстлать**

выстилание *с (по знач. гл.* **выстлать)** фарш кардан(и), густурдан(и)

выстилать *несов. см.* **выстлать**

выстилаться *несов. страд.* фарш карда шудан, густурда шудан

выстирать *сов. что* шустан; ~ **бельё** ҷомашӯӣ кардан

выстлать *сов. что* фарш кардан, густурдан; ~ **дорогу камнем** роҳро сангфарш кардан

выстоять *сов.* 1. истодан, рост истодан; ~ **несколько часов на ногах** якчанд соат ба по истодан 2. пойдор будан (мондан), поистан; **этот дом выстоит ещё несколько лет** ин хона боз якчанд сол мепояд 3. *перен.* истодагарӣ кардан, тоқат (тоб) овардан; ~ **в борьбе** дар мубориза истодагарӣ кардан

выстояться *сов.* 1. *(напр. о вине)* солгашт шудан, куҳна шудан 2. *(о лошади)* хунук шудан

выстрагивать *несов. см.* **выстрогать**

выстрагиваться *несов. страд.* тарошида шудан

выстрада||ть *сов. что* 1. ранҷ бурдан, азоб (азият) кашидан; **он много** ~**л в жизни** вай дар умраш бисьёр азоб кашидааст 2. бо азобу машаққат ба даст даровардан; ~**ть своё счастье** бахти худро бо азобу машаққат ба даст даровардан

выстраивание *с (по знач. гл.* **выстроить** 2) саф кашондан(и)

выстраивать *несов. см.* **выстроить**

выстраиваться *несов.* 1. *см.* **выстроиться**; 2. *страд.* сохта (бино карда) шудан; саф кашидан (оростан)

выстрачивать *несов. см.* **выстрочить**

выстрачиваться *несов. страд.* турдузӣ карда шудан, бахия зада шудан

выстрел *м* тирпарронӣ, тир; **ружейный** ~ тирпарронии милтиқ; **звук** ~**а** овози тирпарронӣ, садои тир; **произвести (дать)** ~ тир паррондан, тир холӣ кардан ◇ **без** ~**а** бе муқовимат; **на** ~ ба масофаи тиррас; **подпустить на** ~ ба масофаи тиррас мондан

выстрелить *сов.* тир паррондан (андохтан), тир холӣ кардан

выстрелять *сов. разг.* 1. *что* парронда тамом кардан *(тирҳоро)*; ~ **все патроны** ҳамаи тирҳоро парронда тамом кардан 2. *кого-что* парронда нобуд (нест) кардан; ~ **всю дичь в лесу** ҳамаи сайди бешаро парронда нобуд кардан

выстригание *с см.* **выстрижка**

выстригать *несов. см.* **выстричь**

выстригаться *несов. страд.* бо қайчӣ тарошида шудан

выстрижка *ж (по знач. гл.* **выстричь)** бо қайчӣ тарошидан(и)

выстричь *сов. что* тарошидан, бо қайчӣ тарошидан, қайчӣ кардан; ~ **клок волос на голове** як қабза мӯи сарро бо қайчӣ гирифтан

выстрогать *сов. что* тарошидан, тарошида ҳамвор кардан, бо ранда суфта кардан, ранда кардан; ~ **доску** тахтаро тарошида ҳамвор кардан

выстроить *сов.* 1. *что* сохтан, бино кардан; ~ **новое здание театра** бинои нави театрро сохтан 2. *кого-что* саф кашондан; ~ **в шеренгу** як қатор саф кашондан

выстроиться *сов.* 1. саф кашидан, саф оростан; ~ **в две шеренги** ду қатор саф кашидан 2. бино шудан, сохта шудан, барпо шудан

выстрочить *сов. что* турдузӣ кардан, бахия задан

выстругать *сов. разг. см.* **выстрогать**

выстругивать *несов. см.* **выстругать**

выстругиваться *несов. страд.* тарошида (ранда карда) шудан

выстудить *сов. что разг.* хунук кардан; ~ **комнату** хонаро хунук кардан

выстуди||ться *сов. прост.* хунук шудан; **комната** ~**лась** хона хунук шуд

выстуживание *с (по знач. гл.* **выстудить)** хунук кардан(и)

выстуживать *несов. см.* **выстудить**

выстуживаться *несов.* 1. *см.* **выстудиться**; 2. *страд.* хунук карда шудан

выстука||ть *сов. разг.* 1. *что* тиқ-тиқ занон хабар додан, бо тиқ-тиқ ифода кардан; **радист** ~**л текст телеграммы** радист тиқ-тиқзанон матни телеграммаро хабар дод 2. *что (напр. на пишущей машинке)* тиқ-тиқ (чиқ-чиқ) кардан 3. *кого-что мед.* ангуштзанон тафтиш кардан (санҷидан); ~**ть лёгкие** шушро ангуштзанон тафтиш кардан

выстукивание *с (по знач. гл.* **выстукать)** тиқ-тиқзанӣ; ангуштзанон тафтиш кардан(и)

выстукивать *несов. см.* **выстукать**

выстукиваться *несов. страд.* тиқ-тиқ карда шудан; ангуштзанон тафтиш карда шудан

выступ *м* барҷастагӣ, дунгӣ; ~ **горы** дунгии (ҷои барҷастаи) кӯҳ

выступа||ть *несов.* 1. *см.* **выступить**; 2. ба пеш баромадан; **здание** ~**ет вперёд** бино ба пеш мебарояд 3. хиромидан, хиромон роҳ рафтан; **важно** ~**ть** бо виқор роҳ рафтан, заминро миннатдор карда пой мондан

выступи||ть *сов.* 1. баромадан, пеш баромадан, берун баромадан; ~**ть из строя** аз саф баромадан 2. баромадан,

равона шудан; ~ть в путь ба роҳ баромадан 3. баромадан, берун баромадан; река́ ~ла из берего́в [оби] дарьё дамида аз соҳил баромад, дарьё обхез шуд 4. пайдо шудан, баромадан; на глаза́х ~ли слёзы оби чашм баромад, аз чашм ашк баромад 5. баромад кардан; ~ть в гла́вной ро́ли роли асосиро бозидан; ~ть в печа́ти дар матбуот баромад кардан; ~ть на собра́нии дар маҷлис сухан гуфтан; ~ть с докла́дом маърӯза кардан; ~ть с ре́чью нутқ эрод кардан 6. баромадан, изҳор кардан; ~ть в защи́ту обвиня́емого ба ҳимояи гунаҳкор баромадан; ~ть с проте́стом эътироз баён кардан

выступле́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **выступить** 2, 5) баромад, баромадан(и), рафтан(и); ~е арти́стов баромади артистон 2. ҳаракат, баромад; **революцио́нные** ~я ҳаракатҳои революционӣ 3. баромад, суханронӣ; его́ ~е **всем понра́вилось** суханронии у ба ҳама маъқул шуд

выстыва́ть *несов. см.* **выстыть**

высты||ть *сов. разг.* хунук шудан; **ко́мната** ~ла хона хунук шуд

вы́судить *сов. что разг.* бо ҳукми суд ба *чизе* соҳиб шудан; судбозӣ карда *чизе* рӯёндан

высу́живать *несов. см.* **высудить**

высунуть *сов. что* баровардан, берун баровардан, дароз кардан; ~ **го́лову в окно́** сарро аз тиреза баровардан; ~ **язы́к** забонро баровардан ◇ **вы́сунув (вы́сунувши, вы́суня) язы́к** 1) **бежа́ть** бо тамоми қувват тохтан 2) **де́лать что́-л.** ҷон коҳонда кореро кардан; ~ **нос** *куда, откуда* берун баромадан

вы́сунуться *сов.* сари худро берун баровардан, сар берун кардан

высу́шивание *с (по знач. гл.* **высушить**) хушк (қоқ) кардан(и), хушконидан(и)

высу́шивать *несов. см.* **высушить**

высу́шиваться *несов.* 1. *см.* **высушиться**; 2. *страд.* хушк (қоқ) карда шудан, хушконида шудан

вы́суши||ть *сов.* 1. *что* хушк (қоқ) кардан, хушконидан; ~ть **бельё** ҷомашӯиро хушк кардан 2. *кого-что перен. разг.* чуб барин хушк кардан; **боле́знь** ~ла **его́** дард уро чуб барин хушк кардааст

высушиться *сов.* хушк (қоқ) шудан, хушкидан

вы́считать *сов. что* 1. ҳисоб кардан, ҳисоб карда баровардан; ~ **су́мму расхо́дов** маблағи хароҷотро ҳисоб кардан 2. *(удержать, вычесть)* нигоҳ доштан, кам кардан

высчи́тывание *с (по знач. гл.* **вычитать**) ҳисоб кардан(и)

высчи́тывать *несов. см.* **высчитать**

высчи́тываться *несов. страд.* ҳисоб карда шудан

вы́сш||ий, -ая, -ее 1. *превосх. ст. к* **высо́кий** баландтарин, аз ҳама баланд; олӣ, аъло; ~ая **то́чка** баландтарин нуқта; ~ая **награ́да** мукофоти олӣ; ~ий **сорт** навъи аъло 2. олӣ; ~ее **кома́ндование** ҳайати фармондиҳии олӣ; ~ие **о́рганы госуда́рственной вла́сти** органҳои олии ҳокимияти давлатӣ 3. олитарин; ~ая **фо́рма организа́ции** олитарин шакли ташкилот 4. олӣ; ~ее **образова́ние** маълумоти олӣ; ~ее **учёбное заведе́ние** муассисаи олии таълим, мактаби олӣ; ~ая **матема́тика** математикаи олӣ ◇ ~ей **ма́рки** гузаро; ~ая **ме́ра наказа́ния** ҳукми куш (қатл); ~ей **про́бы** аълосифат, навъи аъло; **в** ~ей **сте́пени** ба ҳадди аъло, ба дараҷаи олӣ

высыла́ть *несов. см.* **выслать**

высыла́ться *несов. страд.* фиристода шудан, роҳӣ (равона) карда шудан; бадарға карда шудан

вы́сылк||а *ж (по знач. гл.* **выслать** 1, 3) ирсол доштан(и), фиристодан(и), роҳӣ кардан(и); бадарға; ~ **де́нег** пулфиристонӣ, фиристодани пул; **приговори́ть к** ~е ба бадарға ҳукм кардан

высыпа́ние *с (по знач. гл.* **высыпать**) рехтан(и), рехта партофтан(и), пошидан(и); баромадан(и), пайдо шудан(и); дона задан(и)

вы́сыпа||ть *сов.* 1. *что* рехтан, рехта партофтан, пошидан; ~ть **муку́ из мешка́** ордро аз лингча рехта партофтан 2. *разг. (появиться в большом количестве)* туда шуда баромадан; **наро́д** ~л **на у́лицу** халоиқ ба куча фуру рехт 3. *(о звёздах)* баромадан, пайдо шудан; *(о сыпи и т. п.)* дамидан

высыпа́ть *несов. см.* **высыпать**

вы́сыпа||ться *сов.* 1. рехтан, пошида шудан, пош хурдан; **из прорванного мешка́** ~лась **пшени́ца** аз лингчаи дарида гандум рехт 2. *разг. см.* **высыпать** 2

высыпа́ться I *несов.* 1. *см.* **высыпаться**; 2. *страд.* рехта (пошида) шудан

высыпа́ться II *несов. см.* **выспаться**

высыха́ние *с (по знач. гл.* **высохнуть**) хушк шудан(и), хушкидан(и)

высыха́ть *несов. см.* **высохнуть**

выс||ь *ж* 1. баланди, боло; **безо́блачная** ~ь осмони беабр 2. *мн.* **выси** қуллаҳо; ~и **гор** қуллаҳои кӯҳ

выта́ивать *несов. см.* **вытаять**

выта́лкивание *с (по знач. гл.* **вытолкнуть**) теладиҳӣ, тела дода баровардан(и), тела дода ҳай кардан(и)

выта́лкивать *несов. см.* **вытолкнуть**

выта́лкиваться *несов. страд.* тела дода ҳай карда шудан

вы́танцеваться *сов. см.* **вытанцо́вываться**

вытанцо́вывать *несов. что и без доп. разг.* бино монда рақсидан, бо саъй (рағбат) рақсидан

вытанцо́вываться *несов. разг. (удаваться, получаться)* маяссар шудан, ба даст омадан, даст додан

выта́пливание I *с (по знач. гл.* **вытопить** I) тафсониш, гарм кардан(и)

вытапливание II *с (по знач. гл.* **вытопить** II) гудозиш, об кардан(и), гудохтан(и); *(по знач. гл.* **вытопиться** II) обшавӣ

выта́пливать I, II *несов. см.* **вытопить** I, II

выта́пливаться I *несов.* 1. *см.* **вытопиться** I; 2. *страд.* гарм карда шудан, тафсонда шудан

выта́пливаться II *несов.* 1. *см.* **вытопиться** II; 2. *страд.* об карда шудан, гудохта шудан

выта́птывание *с (по знач. гл.* **вытоптать**) поймол кардан(и)

выта́птывать *несов. см.* **вытоптать**

выта́птываться *несов. страд.* поймол карда шудан

вытара́щивать *несов. см.* **вытаращить**

вы́таращить *сов. что:* ~ **глаза́** *разг.* чашмро аз косахонааш баровардан, чашмро калон кушодан

вытаращиться *сов. разг.* чашмро калон кушодан

вытаскивание *с (по знач. гл.* **вытащить**) баровардан(и), кандан(и)

выта́скивать *несов. см.* **вытащить**

выта́скиваться *несов. страд.* бароварда (канда) шудан

вытатуировать *сов. что* хол кубидан, бо сузан нақшу нигор кардан, вашм кардан

выта́чивание *с (по знач. гл.* **выточить**) тарошидан(и); харротӣ кардан(и); тез кардан(и)

выта́чивать *несов. см.* **выточить**

выта́чиваться *несов. страд.* тарошида шудан, харротӣ карда шудан; тез карда шудан

вытачк||а *ж* куки даруни астарӣ; **на пла́тье есть** ~и курта кӯки даруни астарӣ дорад

вытащить *сов.* 1. *кого-что* баровардан, берун овардан, кашола карда баровардан; ~ **ло́дку на бе́рег** заврақро аз об ба соҳил баровардан 2. *что* кандан, кашида баровардан; ~ **зуб** дандон кандан; ~ **зано́зу** хорро кашида баровардан // *что разг. (вынуть)* баровардан; ~ **плато́к из карма́на** даструмолчаро аз киса баровардан 3. *кого перен. разг.* равондан, бурдан; ~ **това́рища в театр** рафиқи худро ба театр бурдан 4. *что разг. (украсть)* дуздидан ◇ ~ **из гря́зи кого́-л.** касеро аз ботлоқи бадномӣ кашида баровардан; **клеща́ми не вы́тащишь из кого́-л.** даҳанаш киро металабад

вытащиться *сов.* баромадан; берун баромадан

вытая||ть *сов.* 1. об шудан 2. намоён шудан, аз барф холӣ шудн; **тропи́нка** ~ла барфи пайраҳа об шуд

вытвердить *сов. что разг.* аз ёд кардан, [бо такрор] аз бар кардан, ҳифз кардан

вы́творить *сов. см.* **вытворя́ть**

вытворя́||ть *несов. что разг.* ҳаракатҳои аҷиб кардан, қилиқ (шухӣ) кардан; нағма кардан; **посмотри, что он** ~ет! бубин, чӣ хел нағма мекунад!

вытека́ние *с (по знач. гл.* **вытекать**) рехтан(и), чакра-чакра баромадан(и), шоридан(и); сар шудан(и)

вытека||ть *несов.* 1. *см.* **вытечь**; 2. сарчашма гирифтан, сар шудан, омадан; **э́та река́** ~ет **из о́зера** ин дарьё аз кул сарчашма мегирад 3. *перен.* [хулоса] баромадан; **отсю́да** ~ет, **что...** аз ин чунин хулоса мебарояд, ки...

вытеребить *сов. что с.-х.* канда гирифтан (баровардан), решакан кардан; ~ **лён** загирпояро канда баровардан

вытереть *сов. что* 1. *пок* (*покиза, тоза*) кардан; хушк кардан; ~ **руки** дастҳоро пок кардан; ~ **пыль** чангро пок кардан; ~ **слёзы** оби чашмро пок кардан 2. *разг.* (*износить*) совидан, судан, фит кардан

вытер||еться *сов.* 1. пок кардан; хушк кардан 2. *разг.* совида (фит) шудан, суда (хурда) шудан; **рукава ~лись** остинҳо суда шуданд

вытерпе||ть *сов. что* тоб (тоқат) овардан, бардошт (сабр) кардан; аз сар гузаронидан, дидан; **~ть боль** ба дард тоб овардан // *без доп. чаще с отриц. разг.* сабр (худдорӣ) карда тавонистан; **он не ~л и всё рассказал** вай сабр карда натавониста, ҳамаашро нақл кард

вытерт||ый, -ая, -ое *прич. прил.* совидашуда, фитшуда, судашуда; **~ая на локтях куртка** камзулчаи оринҷҳояш судашуда

вытесать *сов. что* тарошидан, ранда кардан; ~ **доску** тахтаро ранда кардан

вытеснение *с* (*по знач. гл.* **вытеснить** 2, 3) аз миён бурдан(и), ҷои чизеро гирифтан(и); баровардан(и); ~ **пара электричеством** ҷои буғро гирифтани электр

вытесни||ть *сов.* 1. *кого-что* танг карда баровардан, аз миён бурдан, берун кардан; **~ть из толпы** аз байни издиҳом танг карда баровардан 2. *что перен.* аз байн бурдан, ҷои чизеро гирифтан; **новая техника ~ла старую** техникаи нав ҷои техникаи кӯҳнаро гирифт 3. *что физ., хим.* фишор дода баровардан; **~ть жидкость** моеъро фишор дода баровардан

вытеснять *несов. см.* **вытеснить**

вытесняться *несов. страд.* танг карда бароварда шудан

вытёсывание *с* (*по знач. гл.* **вытесать**) тарошидан(и), ранда кардан(и)

вытёсывать *несов. см.* **вытесать**

вытёсываться *несов. страд.* тарошида (ранда карда) шудан

выте||чь *сов.* рехтан, ҷорӣ шудан, сайлон кардан, шоридан, чакида тамом шудан; **вода ~кла из бочки** об аз бочка чакида тамом шуд

вытирание *с* (*по знач. гл.* **вытереть**) пок (тоза, покиза) кардан(и)

вытирать *несов. см.* **вытереть**

вытираться *несов* 1. *см.* **вытереться**; 2. *страд.* пок карда шудан

вытиснить *сов. что* нақшкуб кардан

вытисниться *сов.* нақшкуб шудан

вытиснять *несов. см.* **вытиснить**

вытисняться *несов.* 1. *см.* **вытисниться**; 2. *страд.* нақшкуб карда шудан

выткать *сов. что* 1. бофтан, бофта тайёр кардан; ~ **ковёр** қолин бофтан 2. гулдузӣ кардан; ~ **цветы на скатерти** дастархонро гулдузӣ кардан

выткнуть *сов. что прост.* зада баровардан, зада афтондан

вытолкать *сов. разг. см.* **вытолкнуть** ~ **в шею** *прост.* зада ҳай (пеш) кардан

вытолкнуть *сов. кого* тела дода баровардан, зада ҳай (пеш) кардан; ~ **вон** тела дода берун баровардан // *что разг.* зада баровардан; ~ **пробку из бутылки** пӯки шишаро зада баровардан

вытопить I *сов. что* хуб гарм кардан, тафсондан; ~ **печь** печкаро тафсондан; ~ **баню** ҳаммомро хуб гарм кардан

вытопить II *сов. что* (*сало и т. п.*) об кардан, доғ кардан, гудохтан

вытопи||ться I *сов.* гарм шудан, тафсидан; **печь ~лась** печка тафсид

вытопиться II *сов.* (*о сале и т. п.*) об шудан, доғ (гудохта) шудан

вытопка *ж разг. см.* **вытапливание** II

вытопки *тк. мн.* чаз

вытоптать *сов. что* 1. поймол (лагадкуб) кардан ~ **траву** алафро поймол кардан 2. пайсипар кардан; ~ **тропинку в снегу** барфро пайсипар карда пайраҳа кушодан 3. *разг.* бо пой ифлос кардан; ~ **пол** фаршро бо пой ифлос кардан

выторговать *сов. что разг.* савдо кардан, аз савдо ёфтан; ~ **за день сто рублей** дар як руз сад сум савдо кардан

выторговывать *несов. см.* **выторговать**

выторговываться *несов. страд.* савдо карда шудан, аз савдо ёфта шудан

выточенный, -ая, -ое *прич.* тарошидашуда; тезкардашуда ◇ **словно** ~ [аз мармар] тарошидагӣ барин

выточи||ть *сов. что* 1. тарошидан, харротӣ кардан; **~ть фигурку** ҳайкалча тарошидан 2. *прост.* (*наточить*) тез кардан, санг задан, чарх доштан 3. *прост.* хурда сурох-сурох кардан; **жучок ~л шкаф** кирми чуб ҷевонро хурда сурох-сурох кард

выточка *ж см.* **вытачивание**

вытошни||ть *сов. безл. кого разг.* қай (рад) кардан, партофтан; **его ~ло** вай қай кард

вытравить I *сов.* 1. *что* равондан, барҳам додан; ~ **пятно** доғро равондан 2. *перен. прост.* нест кардан, баровардан; ~ **из памяти** аз хотир [тамоман] баровардан 3. *кого* заҳр дода куштан, заҳр дода нобуд кардан; ~ **крыс** калламушҳоро заҳр дода нобуд кардан 4. *что* (*узор, надпись и т. п.*) бо тезоб нақш (гул) баровардан 5. *что* талаф (поймол) кардан; ~ **посевы** киштзорро хурда талаф кардан 6. *кого охот.* тарсонда баровардан, хусонда баровардан; ~ **зайца из леса** харгӯшро аз беша хусонда баровардан

вытравить II *сов. что мор.* сар додан, дароз кардан; ~ **якорную цепь** занҷири лангари киштиро сар додан

вытрави||ться I *сов.* 1. рафтан, барҳам хурдан; **пятна ~лись** доғҳо барҳам хурд 2. (*появиться — об узоре, надписи и т. п.*) нақш пайдо шудан

вытравиться II *сов. мор.* сар дода шудан, дароз карда шудан

вытравка *ж* (*по знач. гл.* **вытравить** I 4) нақшзанӣ, гулборорӣ

вытравление *с* (*по знач. гл.* **вытравить** I) равондан(и); заҳр дода нобуд кардан(и); нақшзанӣ, гулбарорӣ; талаф кардан(и); хусондан(и)

вытравлять *несов. см.* **вытравить** I, II

вытравляться *несов.* 1. *см.* **вытравиться** I, II, 2. *страд.* равонда шудан; нест карда шудан

вытрави||ой, -ая, -ое ...и тезоб; **~ая краска** ранги тезоб; **~ой рисунок** нақши бо тезоб баровардашуда

вытребовать *сов.* 1. *что* талаб карда гирифтан; ~ **нужные документы** ҳуҷҷатҳои лозимаро талаб карда гирифтан 2. *кого-что* оварондан, ба омадан водор кардан, даъват кардан; ~ **свидетеля в суд** шоҳидро ба мурофиа оварондан; ~ **специалиста из города** аз шаҳр мутахассис оварондан

вытрезвитель *м* ҳушьёрхона

вытрезвить *сов. кого* ҳушьёр кардан, ба ҳуш овардан

вытрезвиться *сов.* ҳушьёр шудан, ба ҳуш омадан

вытрезвление *с* (*по знач. гл.* **вытрезвить**) ҳушьёр кардан(и), баҳушоварӣ; (*по знач. гл.* **вытрезвиться**) ҳушьёршавӣ, ба ҳуш омадан(и)

вытрезвлять *несов. см.* **вытрезвить**

вытрезвляться *несов.* 1. *см.* **вытрезвиться**; 2. *страд.* ҳушьёр карда шудан, ба ҳуш оварда шудан, ба ҳуш оварондан

вытрепать *сов.* 1. *что с.-х.* афшонда тоза кардан; наддофӣ кардан; ~ **лён** загирпояро афшонда тоза кардан 2. *кого перен. прост.* куфтан, задан; ~ **за уши** аз гуш гирифта тофтан

вытрясать *несов. см.* **вытрясти**

вытрясаться *несов.* 1. *см.* **вытрястись**; 2. *страд.* афшонда шудан, афшонда тоза карда шудан

вытрясти *сов. что* 1. афшондан, афшонда рехтан; ~ **муку из мешка** орди лингчаро афшондан 2. афшонда аз чанг тоза кардан; ~ **ковёр** қолинро афшондан ◇ ~ **душу** *из кого* дуғ зада тарсондан; ~ **карман** *прост.* ҳамьён холӣ кардан, кисаро афшондан

вытрястись *сов. разг.* рехтан, афтидан, афшонда шудан

вытряхивание *с* (*по знач. гл.* **вытряхнуть**) афшондан(и)

вытряхивать *несов. см.* **вытряхнуть**

вытряхиваться *несов.* 1. *см.* **вытряхнуться**; 2. *страд.* афшонда шудан

вытряхнуть *сов. что* афшонда (ғалтонда) резондан, афшондан

вытряхнуться *сов. разг.* рехтан, афтида (ғалтида) мондан

вытуривать *несов. см.* **вытурить**

вытурить *сов. кого-что прост.* ҳай (пеш) кардан, рондан, зада баровардан

вытыкать *несов. см.* **выткнуть**

выть *несов.* 1. уллос кашидан (задан); **собака воет** саг уллос мекашад 2. ғурридан, ғуррос задан; **ветер воет** бод меғуррад 3. *прост.* бо овози баланд гиристан, гирьяву нола кардан ◇ **хоть волком вой** замин сахт, осмон баланд

вытьё *с* (*по знач. гл.* **выть**) *прост.*

уллоскашӣ; ғурридан(и); гирьяву нола кардан(и)

вытягивание *с (по знач. гл.* **вытянуть** 1—3) кашидан(и), кашида дароз кардан(и), ёзондан(и); ~ **проволоки** ёзондани сим

вытягивать *несов. см.* **вытянуть** ◇ **клещами** ~ **из кого-л.** даханаш киро металабад

вытягиваться *несов.* 1. *см.* **вытянуться**; 2. *страд.* кашида шудан; кашида баровардa шудан

вытяжение *с* 1. *см.* **вытягивание**; 2. *мед.* росткунӣ, кашида рост кардан(и) *(бо усули ҷарроҳӣ рост кардани аррапушт ё устухонҳо ҳангоми шикаст ё беҷошавӣ)*

вытяжка *ж* 1. *(по знач. гл.* **вытянуть** 1, 4) кашидан(и), ёзондан(и); кашидабарорӣ; ~ **газа** кашидабарории газ 2. *(экстракт)* шира

вытяжн||ой, -ая, -ое кашанда; ~**ое кольцо у парашюта** ҳалқаи кашандаи парашют; ~**ой шкаф** ҷевони заҳркаш *(ҷевони махсуси лабораторияҳои химиявӣ, ки газ ва буғҳои заҳрдорро мекашад)*

вытянут||ый, -ая, -ое *прич., прил.* кашида, дароз кашидашуда, ёзондашуда; **держать на** ~**ых руках** бо дастҳои ёзондашуда доштан ◇ ~**ое лицо**, ~**ая физиономия** чеҳраи мушавваш, қиёфаи изтиробомез

вытянуть *сов.* 1. *что* кашидан, дароз кардан, кашида дароз кардан; ~ **проволоку** симро кашида дароз кардан // *(расположить по одной линии)* рост кардан, кашида қатор кардан, саф кашондан; ~ **отряд в колонну** отрядро саф кашондан 2. *что* рост (дароз) кардан, ёзондан; ~ **шею** гардан ёзондан 3. *что разг.* кашида баровардан, берун баровардан; ~ **сеть на берег** тури моҳигириро кашида ба соҳил баровардан 4. *перен.* муваффақ шудан, ноил гардидан; гирифтан; **у него слова не вытянешь** даҳанаш киро металабад 5. *что (удалить тягой и т. п.)* кашида берун баровардан; **весь дым вытянуло в трубу** *безл.* тамоми дуд аз дудкаш берун баромад 6. *прост.* то охир нушидан 7. *что и без доп. разг. (вытерпеть)* тоб (тоқат) овардан; зинда мондан 8. *кого прост.* задан, кашида задан; ~ **лошадь кнутом** аспро тозиёна задан ◇ ~ **[всю] душу** безор кардан, ба ҷон расондан; ~ **жилы из кого-л.** ҷавҳари баданашро кашида гирифтан; ҷафо кардан; ~ **[все] кишки из кого-л.** *прост.* шири модарро ба даҳон овардан; **клещами не вытянешь из кого-л.** даҳанаш киро металабад

вытяну||ться *сов.* 1. дароз шудан, ёзидан, қад кашидан; **платье** ~**лось** курта ёзидааст // *разг.* калон шудан, қад ёзондан; **за лето мальчик** ~**лся** бача дар давоми тобистон қад ёзонд 2. рост шудан, рост истодан; ~**ться по команде «смирно!»** бо командаи «смирно!» рост истодан // *(натянуться)* таранг шудан, аз кашиш таранг шудан 3. рост шуда баромадан; **языки пламени** ~**лись вверх** аланга забона зада ба ҳаво мепечид ◇ **у него лицо** ~**лось, у него физиономия** ~**лась** 1) *(от удивления)* кайфаш парид 2) *(от худобы)* чеҳрааш коҳидааст; ~**ться в струнку (в струну)** най барин рост истодан; ~**ться во фронт** дастҳоро ба паҳлу ҷафс карда рост истодан

выудить *сов. что* 1. бо шаст доштан 2. *прост.* ёфтан, баровардан; ~ **из кармана монету** аз киса танга баровардан 3. *перен. прост.* пурсуков карда донистан, пурсида фаҳмидан

выуживание *с (по знач. гл.* **выудить**) бо шаст доштан(и)

выуживать *несов. см.* **выудить**

выуживаться *несов. страд.* бо шаст дошта шудан; пурсуков карда фаҳмида шудан

выутюжить *сов. что* уттӣ (дарзмол) кардан

выученик *м разг.* шогирд, дастпарварда

выучивание *с (по знач. гл.* **выучить** 1) ёд гирифтан(и), аз худ кардан(и), омузиш

выучивать *несов. см.* **выучить**

выучиваться *несов.* 1. *см.* **выучиться**; 2. *страд.* ёд гирифта шудан

выучить *сов.* 1. *что* ёд гирифтан, аз худ (аз ёд, хифз) кардан; ~ **стихотворение** шеърро аз ёд кардан 2. *кого чему или с неопр.* омузондан, омухтан, ёд додан; ~ **ребёнка читать** ба кудак хонданро ёд додан // *разг. (проучить)* танбеҳ додан

выучиться *сов.* 1. *чему или с неопр.* ёд гирифтан, омухтан, аз худ кардан; ~ **читать** хонданро ёд гирифтан 2. *(закончить учёбу)* хатм кардан, хонданро тамом кардан

выучк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **выучить** 2) *разг.* омузиш, таҳсил, таълим; **пойти на** ~**у к кому-л.** барои таълим пеши касе рафтан 2. *(навыки, умение)* малака; **воинская** ~**а** малакаи ҳарбӣ

выхаживание *с (по знач. гл.* **выходить** II) бо нигоҳубин сиҳат кардан(и); парвариш

выхаживать I, II *несов. см.* **выходить** I, II

выхаркать *сов. что разг.* сулфида туф кардан

выхаркивать *несов. см.* **выхаркать**

выхаркиваться *несов. страд.* сулфида туф карда шудан

выхватить *сов.* 1. *кого-что* кашида гирифтан, рабудан; ~ **книгу из рук** китобро аз даст кашида гирифтан 2. *что* тез кашидан, зуд баровардан; ~ **кинжал из ножен** ханҷарро аз ғилоф тез кашида баровардан 3. *что разг. (при кройке)* васеътар буридан; ~ **ворот** гиребонро васеътар буридан

выхватывание *с (по знач. гл.* **выхватить**) кашида гирифтан(и); баровардан(и)

выхватывать *несов. см.* **выхватить**

выхватываться *несов. страд.* кашида гирифта шудан; бароварда шудан

выхлебать *сов. что прост.* хӯрт кашида хӯрдан, хурда тамом кардан; ~ **суп** шӯрборо хӯрт кашида хурдан

выхлестать *сов. прост.* 1. *кого-что (высечь)* қамчин (тозиёна) задан 2. *что (выбить)* зада баровардан 3. *что, чего груб. прост. (выпить)* хӯрт (дам) кашидан, ба сар кашидан

выхлестнуть *сов. что прост.* 1. зада баровардан, зада кандан; ~ **глаз** чашмро зада баровардан 2. бароварда партофтан, рехта партофтан; ~ **помои** юндиро бароварда партофтан

выхлёстывать *несов. см.* **выхлестать** *и* **выхлестнуть**

выхлоп *м тех.* гуппос, гуп-гуп *(аз муҳаррики дарунсуз фавворазанон баромадани гази сухта)*; ~ **газов** гуп-гупи газ

выхлопатывать *несов. см.* **выхлопотать**

выхлопатываться *несов. страд.* тараддуд (даводав) карда гирифта шудан

выхлопной, -ая, -ое *тех.* 1. дамдама, гуппос зада бароянда; ~ **газ** гази дамдама 2. бароранда; ~ **клапан** клапани бароранда

выхлопотать *сов. что* бисьёр кушида муваффақ шудан, тараддуд (даводав) карда гирифтан

выход *м (по знач. гл.* **выйти** 1—4) 1. баромад, баромадан(и); ~ **кораблей в море** ба баҳр баромадани киштиҳо; ~ **из окружения** аз муҳосира баромадан(и); ~ **из войны** аз ҷанг баромадан(и); ~ **книги в свет** аз чоп баромадани китоб; ~ **на орбиту** ба мадор баромадан(и) 2. *(место)* ҷои баромад, баромадгоҳ; **запасный** ~ баромадгоҳи эҳтиётӣ 3. *перен.* роҳ ёфтан(и), халос шудан(и); **найти** ~ **из затруднительного положения** аз вазъияти мушкил халос шудан 4. ҳосил; ~ **зерна с гектара** ҳосили ғаллаи як гектар замин 5. *геол.* падида ◇ **на** ~**е, на** ~**ах** иҷрои роли беманӣ (бесухан) *(дар бораи артистон)*; **дать** ~ **чему-л.** изҳори чизе кардан, дилро аз чизе холӣ кардан; **знать все ходы и** ~**ы** хамаи роҳу растаро донистан

выходец *м* 1. аҳл *(аз ягон мамлакат)*; ~ **из Монголии** аҳли Муғулистон 2. аслан *(аз ягон табақа)*; ~ **из крестьян** аслан деҳқон ◇ ~ **с того света** мурдаи зиндашуда

выходить I *сов. что разг.* бисьёр гаштан, давр зада гаштан; ~ **все окрестности** тамоми гирду атрофро давр зада баромадан

выходить II *сов. кого-что разг.* 1. нигоҳубин карда сиҳат кардан; ~ **больного** беморро нигоҳубин карда сиҳат кардан 2. бо ғамхорӣ парвариш кардан, тарбия карда калон кардан, парваридан; ~ **растение** растанӣ парваридан

выходить *несов.* 1. *см.* **выйти**; 2. *(быть обращённым куда-л.)* ру ба чизе будан; **окна выходят в сад** тирезаҳо ру ба боғ мебошанд 3. 3 *л. ед. ч. наст. вр.* **выходит** *в знач. вводн. сл. разг.* пас, ба ин тариқ; **мысль эта, выходит, верна** пас ин ақида дуруст будааст ◇ **не выходит из головы (из памяти,**

из ума́) фаромӯш намешавад, аз хотир намебарояд, аз ёд намеравад

вы́ходка *ж* 1. рафтори бад; **глу́пая ~** кирдори аҳмақона 2. *разг.* *(колено в танце)* ҳаракати ракс, ҳаракати махсуси ракс

выходн||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и баромад; **~ая дверь** дари баромад 2. ...и ҷойравӣ; **~о́й костю́м** костюми ҷойравӣ 3. *в знач. сущ.* **выходно́й** *м разг.* рузи истироҳат, рузи дамгирӣ; **сего́дня ~о́й** имрӯз рӯзи истироҳат аст 4. *в знач. сущ.* **выходно́й** *м*, **выходна́я** *ж разг.* озод; **я сего́дня ~а́я** ман имруз озодам, ман имруз бекорам 5. *тех.* ...и баромад, ...и баромадгоҳ ◇ **~ы́е да́нные** маълумотномаи китоб; **~о́е посо́бие** *(при увольнении)* кумаки пулӣ *(дар вақти аз кор рафтан)*

выходя́щий, -ая, -ее *прич.* бароянда ◇ **из ря́да вон ~** фавқулодда, ғайриоддӣ, ғайри чашмдошт

выхола́щивание *с* *(по знач. гл.* **вы́холостить)** ахта кардан(и); бемаънӣ (пуч) кардан(и)

выхола́щивать *несов. см.* **вы́холостить**

выхола́щиваться *несов. страд.* ахта карда шудан; бемаънӣ (пуч) карда шудан

вы́холенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* нозпарвард кардашуда 2. *прил.* нозпарвард; **~ое те́ло** бадани нозпарвард

вы́холить *сов. кого-что* нозпарвард кардан, бо навозиш парваридан; **~ ло́шадь** аспро бо ғамхорӣ парвариш кардан

вы́холостить *сов.* 1. *кого* ахта кардан 2. *что перен.* бемаънӣ (вайрон, пуч) кардан; **~ иде́ю** ғояро вайрон кардан

вы́холощенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ахташуда 2. *прил.* ахта 3. *прил. перен.* вайрон, пуч; **~ые мы́сли** фикрҳои пуч

вы́хухоль *м* муши обӣ; *(мех)* пӯсти муши обӣ

вы́царапать *сов.* 1. *что* ханҷол кардан, харошидан, бо чангол кандан; **~ глаза́ кому-л.** чашмони касеро ханҷол кардан 2. *что* сабт кардан, кандан; **~ на́дпись на ка́мне** дар руи санг хат кандан 3. *кого-что перен. разг.* ба зур гирифтан, ба сахтӣ ба даст овардан

вы́царапаться *сов. прост.* 1. *(выбраться)* баромадан, ба зур баромадан 2. *перен.* ба зур халос шудан, навъе карда раҳоӣ ёфтан

выцара́пывать *несов. см.* **вы́царапать**

выцара́пываться *несов.* 1. *см.* **вы́царапаться**; 2. *страд.* харошида шудан; тарошида шудан

вы́цве||сти *сов.* паридан, рафтан *(дар бораи ранг)*; **пла́тье ~ло** ранги курта паридааст

выцвета́ть *несов. см.* **вы́цвести**

вы́цедить *сов. что* 1. софкорӣ кардан, полоидан; **~ вино́ из бо́чки** майро аз бочка софкорӣ карда ба зарфе рехтан 2. *прост.* *(выпить)* нушидан

выце́живание *с* *(по знач. гл.* **вы́цедить)** софкорӣ кардан(и)

выце́живать *несов. см.* **вы́цедить**

выце́живаться *несов. страд.* софкорӣ карда шудан

вычека́нивать *несов. см.* **вы́чеканить**

вычека́ниваться *несов. страд.* сикка зада шудан

вы́чеканить *сов. что* сикка задан, зарб задан; **~ моне́ту** тангаро сикка задан

вычёркивание *с* *(по знач. гл.* **вы́черкнуть)** хат задан(и), кур кардан(и)

вычёркивать *несов. см.* **вы́черкиуть**

вычёркиваться *несов. страд.* хат зада шудан, кур карда шудан

вы́черкнуть *сов. кого-что* 1. хат задан, кӯр кардан; ботил кардан; **~ из спи́ска** аз руйхат задан; **~ сло́во** калимаеро хат задан 2. *перен.* нобуд (нест) кардан ◇ **~ из па́мяти** *кого-что* аз хотир (аз дил) баровардан, аз лавҳи хотир шустан; **~ из [свое́й] жи́зни** аз дил баровардa партофтан

вы́чернить *сов. что разг.* сиёҳ кардан, ранги сиёҳ кардан

вы́черпать *сов. что* баровардан, баровардa гирифтан, гирифта партофтан; **~ всю во́ду из ведра́** тамоми оби сатилро баровардa партофтан // *(сосуд, водоём)* холӣ кардан, баровардa холӣ кардан; **~ котёл до дна** дегро холӣ кардан

вычёрпывание *с* *(по знач. гл.* **вы́черпать)** баровардa гирифтан(и); холӣ кардан(и)

вычёрпывать *несов. см.* **вы́черпать**

вычёрпываться *несов. страд.* баровардa шудан, баровардa гирифта шудан

вы́чертить *сов. что* 1. тарҳ (нақша) кашидан; **~ прое́кт зда́ния** нақшаи биноро кашидан 2. *перен.* тасвир кардан

вычёрчивание *с* *(по знач. гл.* **вы́чертить)** кашидан(и)

вычёрчивать *несов. см.* **вы́чертить**

вы́чесать *сов. что* 1. бо шона тоза кардан 2. наддофӣ кардан; **~ лён** зағирпояро наддофӣ кардан

вы́ческа *ж* *(по знач. гл.* **вы́чесать** 2) наддофӣ; **~ льна** наддофии зағирпоя

вы́чески *мк. мн.* боқимондаҳои наддофӣ; **льняны́е ~** боқимондаҳои зағирпояи наддофишуда

вы́честь *сов. что* 1. *мат.* тарҳ кардан, баровардан; **~ два из семи́** аз ҳафт дуро тарҳ кардан 2. *(удержать)* гирифтан, нигоҳ доштан; **~ задо́лженность** қарзро нигоҳ доштан

вычёсывание *с* *(по знач. гл.* **вы́чесать)** бо шона тоза кардан(и); наддофӣ

вычёсывать *несов. см.* **вы́чесать**

вычёсываться *несов. страд.* наддофӣ карда шудан

вы́чет *м* 1. *(по знач. гл.* **вы́честь** 2) нигоҳдорӣ 2. маблағи нигоҳдошташуда; **~ из гонора́ра** маблағи аз музди қалам нигоҳдошташуда

вычисле́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **вы́числить)** ҳисоб, ҳисоб кардан(и), ҳисоббарорӣ; **~е сто́имости** ҳисоби арзиш 2. натиҷа, натиҷаи ҳисоб; **опубликова́ть свои́ ~я** натиҷаи ҳисобро интишор кардан

вычисли́тель *м* 1. *(работник)* ҳисоббарор 2. *(аппарат)* асбоби ҳисоб

вычисли́тельн||ый, -ая, -ое ҳисобӣ, ...и ҳисоб; **~ые рабо́ты** ҳисобу китоб; **~ые маши́ны** ҳисобмошинҳо; **~ый центр** маркази ҳисоббарор

вы́числить *сов. что* ҳисоб кардан, ҳисоб карда баровардан; **~ ско́рость движе́ния по́езда** суръати ҳаракати поездро ҳисоб кардан

вычисля́ть *несов. см.* **вы́числить**

вычисля́ться *несов. страд.* ҳисоб карда шудан

вы́чистить *сов. что* тоза кардан; **~ костю́м** костюмро тоза кардан

вы́чиститься *сов.* худро тоза кардан

вычита́емое *с мат.* тарҳшаванда

вычита́ни||е *с мат.* тарҳ; **знак ~я** аломати тарҳ; **произвести́ ~е** тарҳ кардан

вы́читать *сов. что* 1. *разг.* хонда донистан; **~ из книг** аз китоб хонда донистан 2. хонда ислоҳ кардан; **~ ру́копись** дастнависро хонда ислоҳ кардан

вычита́ть *несов. см.* **вы́честь**

вычита́ться *несов. страд.* тарҳ карда шудан; нигоҳ дошта шудан

вы́читка *ж* *(по знач. гл.* **вы́читать** 2) хонда ислоҳ кардан(и); **~ ру́кописи** ислоҳи дастнавис

вычи́тывание *с см.* **вы́читка**

вычи́тывать *несов. см.* **вы́читать**

вычи́тываться *несов. страд.* хонда ислоҳ карда шудан

вычища́ть *несов. см.* **вы́чистить**

вычища́ться *несов.* 1. *см.* **вы́чиститься**; 2. *страд.* тоза карда шудан

вы́чурно *нареч.* бодабдаба; муғлақ; кунгурадор; **~ говори́ть** бо дабдаба гап задан

вы́чурность *ж* серороишӣ, тумтароқӣ; **~ сти́ля** тумтароқии услуб

вы́чурн||ый, -ая, -ое (вы́чур|ен, -на, -но) сероройш, дабдабанок; пуртумтароқ; аҷиб, **~ые украше́ния** оройши аҷиб; **~ый стиль** услуби пуртумтароқ

вы́чуры *мн.* *(ед.* **вы́чура** *ж)* 1. *уст.* *(украшения)* нақшу нигори мураккаб 2. *перен. разг.* *(причуды)* қиликҳои аҷоиб, рафтори аҷибу ғариб

вы́шагать *сов. что разг.* қадам зада рафтан

выша́гивать *несов.* 1. *см.* **вы́шагать**; 2. *разг.* қадамзанон гаштан

вы́шагнуть *сов. разг.* қадам зада баромадан

вышвы́ривать *несов. см.* **вы́швырнуть**

вышвы́риваться *несов. страд.* партофта (ҳаво дода) шудан

вы́швырнуть *сов. кого-что разг.* 1. партофтан, ҳаво додан, гирифта ҳаво додан 2. *перен.* ҳай (пеш) кардан, рондан, зада баровардан ◇ **~ за воро́та кого́-л.** касеро аз кор (аз ризку рӯзӣ) маҳрум кардан; **~ на у́лицу кого́-л.** 1) *(выселить)* касеро ба кӯча баровардa партофтан *(наогоҳонида)* 2) *(лишить работы)* касеро бекор монондан, аз рузӣ маҳрум кардан

выше 1. *сравн. ст. к* **высокий** *и* **высоко** баландтар, болотар; **мой товарищ ~ меня ростом** рафиқам аз ман қадбаландтар аст 2. *нареч.* болотар, баландтар; **я живу этажом ~** хонаи ман як ошьёна болотар аст; **дети в возрасте семи лет и ~** бачагони синни хафтсола ва калонтар аз он 3. *нареч.* пеш, дар боло; **как сказано ~** чунон ки пеш гуфта шуд; **смотри ~** болотар нигох кун 4. *предлог с род.* аз... баландтар, аз... зиёдтар; **температура ~ нуля** ҳарорат аз дараҷаи сифр баландтар аст // *(по течению)* аз... болотар; **~ Волгограда** аз Волгоград болотар // *(вне или сверх чего-л.)* берун, берун аз, дур; **быть ~ предрассудков** аз хурофот дур будан; **это ~ моих сил** ин аз иқтидори ман берун аст; **это ~ моего понимания** ақли ман аз дарки ин оҷиз аст; **ба ин ақлам намерасад; ~ головы не прыгнешь** *погов.* ≈ зурн беҳуда миён мешиканад

выше- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «пеш», «пеш аз»:* **вышесказанный** дар боло гуфташуда, қаблан ишорашуда; **вышеупомянутый** мазкур, қаблан зикршуда

вышеизложенн||ый, -ая, -ое дар боло баёншуда, дар боло зикршуда, мазкур, мазбур; **всё ~ое** ҳама чизи дар боло зикршуда, қаблан баёншуда

вышелушивать *несов. см.* **вышелушить**

вышелушиваться *несов. страд.* муқашшар карда шудан, аз пуст тоза карда шудан

вышелушить *сов. что* муқашшар кардан, аз пуст баровардан, аз пуст тоза кардан; **~ зерно** ғалларо муқашшар кардан

вышеназванн||ый, -ая, -ое мазкур, номбурда, номбаршуда; **~ые товарищи** рафиқони номбаршуда

вышеозначенный, -ая, -ое мазбур

вышепоименованный, -ая, -ое *см.* **вышеназванный**

вышеприведённый, -ая, -ое дар боло овардашуда, мазкур, мазбур; **~ пример** мисоли мазкур

вышесказанный, -ая, -ое дар боло гуфташуда, мазкур, мазбур

вышестоящ||ий, -ая, -ее боло, болоӣ; **~ие организации** ташкилотҳои боло; **~ий орган** органи болоӣ

вышеуказанный, -ая, -ое дар боло нишон додашуда, мазкур

вышеупомянутый, -ая, -ое мазкур, фавқуззикр

вышибала *м уст. прост.* муштзур, дарбони майкада *(дарбони майхона, ки вазифааш зада берун кардани одамони бадмаст ва ҷанҷолӣ буд)*

вышибание *с (по знач. гл.* **вышибить)** зада баровардан(и); ҳай (пеш) кардан(и)

вышибать *несов. см.* **вышибить**

вышибаться *несов. страд.* зада баровода шудан; ҳай (пеш) карда шудан

вышибить *сов. разг.* 1. *что* зада баровардан, зада ғалтондан; **~ дверь** дарро зада ғалтондан; **~ стекло** оинаро зада шикастан 2. *кого* зада ҳай (пеш) кардан ◇ **~ дух (душу)** *из кого груб. прост.* зада куштан

вышивальн||ый, -ая, -ое ...и кашидадузӣ, ...и гулдузӣ; **~ая игла** сузани гулдузӣ; **~ые нитки** ресмони кашидадузӣ (гулдузӣ)

вышивальщица *ж* [занаки] кашидадуз, [занаки] гулдуз

вышивание *с (по знач. гл.* **вышить)** кашидадузӣ, гулдузӣ, ироқидузӣ, йурмадузӣ; **заниматься ~м** кашидадузӣ (гулдузӣ) кардан

вышиванье *с (вещь)* чизи гулдузишуда

вышивать *несов. см.* **вышить**

вышивк||а *ж* 1. *см.* **вышивание**; 2. *(узор)* гулдузӣ; **платье с ~ой** куртаи гулдузӣ

вышивн||ой, -ая, -ое ...и кашидадузӣ, ...и гулдузӣ; **~ые рукава** остинҳои гулдузӣ

вышин||а *ж* 1. баландӣ, фарозӣ; **~ой в десять метров** баландиаш даҳ метр 2. фазо, осмон; **орёл парил в ~е** уқоб дар осмон мепарид

вышит||ый, -ая, -ое *прич., прил.* кашидадузӣ (гулдузӣ) кардашуда; **рубашка с ~ым воротом** куртаи гиребонаш гулдузӣ шуда

вышить *сов. что* кашидадузӣ (гулдузӣ, ироқидузӣ, йурмадузӣ) кардан; **~ платье** куртаро гулдузӣ кардан

вышка *ж* манора, бурҷ; **буровая ~** манораи заминпармагарӣ; **наблюдательная ~** бурҷи дидбонӣ; **сторожевая ~** бурҷи посбонӣ

вышколить *сов. кого разг.* тарбия (таълим) додан, одоб ёд додан

вышмыгну||ть *сов. разг.* 1. шиппи карда (шиппас зада) баромада рафтан; **~ть в открытую дверь** шиппас зада аз дари кушода баромадан 2. ногаҳон пайдо шудан, баромада мондан; **из-под ящика ~ла мышь** аз таги қуттӣ ногаҳон муше баромад

вышний, -яя, -ее *уст.* 1. ...и арши аъло 2. *прост. (высший)* олӣ 3. *книжн. (божественный)* илоҳӣ 4. *в знач. сущ.* **вышний** *м книжн.* оллоҳ

вышгамповать *сов. что* қолиб зада сохтан, бо қолиб сохтан

выштамповывать *несов. см.* **выштамповать**

выштамповываться *несов. страд.* қолиб зада сохта шудан, бо қолиб сохта шудан

выштукатуривать *несов. см.* **выштукатурить**

выштукатуриваться *несов. страд.* андова карда шудан

выштукатурить *сов. что* андова кардан, ловидан; **~ стены** деворҳоро андова кардан

вышутить *сов. кого-что* масхара (мазоҳ, шухӣ) кардан

вышучивание *с (по знач. гл.* **вышутить)** масхара (мазоҳ) кардан(и)

вышучивать *несов. см.* **вышутить**

выщелачивание *с (по знач. гл.* **выщелочить)** ишқоронӣ

выщелачивать *несов. см.* **выщелочить**

выщелачиваться *несов.* 1. *см.* **выщелочиться**; 2. *страд.* ишқоронида шудан

выщёлкива||ть *несов. что и без доп. разг. (о птицах)* чаҳ-чаҳ задан; **соловьи ~ют трели** булбулон чаҳ-чаҳ мезананд

выщелочить *сов. что хим., тех.* ишқоронидан

выщелочиться *сов. хим., тех.* ишқоронида шудан

выщербить *сов. что разг.* зада чуқур-ча-чуқурча кардан, зада аррамонанд (дандонадор) кардан; **~ лезвие ножа** зада дами кордро гардондан

выщербиться *сов. разг.* аррамонанд (дандонадор) шудан, дамгашта шудан

выщерблять *несов. см.* **выщербить**

выщербляться *несов.* 1. *см.* **выщербиться**; 2. *страд.* зада аррамонанд карда шудан

выщипать *сов. что* кандан, чимдӣ карда кандан, чидан; **~ траву** алафро кандан; **~ перья у курицы** мурғро пар кандан

выщипнуть *сов. что* кандан, чимдӣ карда кандан, чидан

выщипывание *с (по знач. гл.* **выщипать)** кандан(и)

выщипывать *несов. см.* **выщипать** *и* **выщипнуть**

выщипываться *несов. страд.* канда шудан

выя *ж уст. высок.* унқ, гардан

выявить *сов.* 1. *что* нишон додан, зоҳир кардан; **~ свой талант** истеъдоди худро зоҳир кардан 2. *что* ошкор кардан; **~ недостатки в работе** камбудиҳои корро ошкор кардан 3. *кого* фош кардан; **~ врагов** душманонро фош кардан

выяви||ться *сов.* 1. ошкор (намудор, зоҳир) шудан; **в работе ~лись недочёты** камбудиҳои кор ошкор шуд 2. *(выступить, стать видимым)* намудор (падидор) шудан

выявление *с (по знач. гл.* **выявить)** нишон додан(и), зоҳир кардан(и); ошкор кардан(и), кушодан(и); фош кардан(и); *(по знач. гл.* **выявиться)** ошкор шудан(и)

выявлять *несов. см.* **выявить**

выявляться *несов.* 1. *см.* **выявиться**; 2. *страд.* маълум карда шудан; фош гардидан

выяснение *с (по знач. гл.* **выяснить)** равшан кардан(и); *(по знач. гл.* **выясниться)** равшан шудан(и)

выяснить *сов. что* равшан (маълум, ошкор, муайян) кардан; **~ вопрос** масъаларо равшан кардан; **~ обстановку** вазъиятро муайян кардан

выясни||ться *сов.* равшан (маълум, ошкор, муайян) шудан; **дело ~лось** масъала (кор) равшан шуд; **~лось, что...** маълум шуд, ки...

выяснять *несов. см.* **выяснить**

выясняться *несов.* 1. *см.* **выясниться**; 2. *страд.* маълум карда шудан

вьетна́мец *м* вьетнамӣ
вьетна́мка *ж* вьетнамизан, вьетнамидухтар, зани (духтари) вьетнамӣ
вьетна́мский, -ая, -ое вьетнамӣ, ...и вьетнамиҳо, ...и Вьетнам; ~ **язык** забони вьетнамӣ
вьетнамцы *мн.* вьетнамиҳо
вьюга́ *ж* бурон; **поднялась** ~ бурон шуд (хест)
вью́жи||ть *несов.* бурон будан; **с утра́** ~т аз пагоҳирузӣ ҳаво бурон аст
вью́жн||ый, -ая, -ое буронӣ, ...и бӯрон, сербурон; ~**ая зима** зимистони сербурон; ~**ая пого́да** ҳавои бурон
вьюк *м (поклажа)* бор // *(мешок или сумка)* лингача, хурҷин
вьюн *м* 1. *(рыба)* мормоҳӣ 2. *перен.* одами печон (чаққон); 3. *прост. и обл.* гирдбод; **сне́жные** ~**ы** гирдбоди барф 4. *прост. и обл. см.* **вьюно́к** ◇ **ви́ться (верте́ться)** ~**о́м** 1) печон будан, чаққон будан 2) хушомад задан, дум-думи *касе* гаштан
вьюно́к *м бот.* алафи печак
вьюрко́вые *мн. зоол.* фотимачумчуқиҳо
вью́чить *несов. кого-что* бор кардан; ~ **верблюда** ба шутур бор бастан
вью́чн||ый, -ая, -ое 1. ...и бор, ...и борбандӣ; ~**ые ремни́** тасмаҳои борбандӣ (борбанд) 2. боркашӣ, боркашонӣ, ...и боркашӣ; ~**ая ло́шадь** аспи боркаш
вью́шка *ж* 1. *(печная)* сарпуши дудкаши печка 2. *тех.* навардчаи ресмонресӣ, ғалтаки ресмонресӣ
вью́щийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* печидашуда 2. *прил. (о растениях)* печон, печанда 3. *прил. (о волосах)* чингила
вя́жущ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* бандандa 2. *прил. (терпкий)* дандонбар, даҳон қоққунанда 3. *прил. тех.* часпанда, часпак, ёзанда, илқак; ~**ие вещества** моддаҳои часпак
вяз *м* ларг *(дарахти садамонанд)*
вяза́льн||ый, -ая, -ое ...и бофтан, ...и бофандагӣ; ~**ый крючо́к** сузани турбофӣ; ~**ые спи́цы** сихҳои бофандагӣ
вяза́льщик *м* бофанда; ~ **снопов** дарзабанд
вяза́льщица *ж* бофандазан, бофандадухтар; ~ **чуло́к** занаки ҷӯроббоф
вяза́ние *с (по знач. гл.* **вяза́ть** 1, 2) бастан(и), бофтан(и); ~ **кру́жев** бофтани ҳошияи тӯр
вя́занка *ж прост. (вязаная вещь)* чизи аз ресмон (аз пашм) бофташуда
вяза́нка *ж* банд, дарза, пуштора; ~ **дров** як банд ҳезум
вя́занный *прич.* (вязан, -а, -о) бастaшуда; бофташуда
вя́зан||ый, -ая, -ое тури, бофта, ...и тӯр; ~**ая ко́фта** кофтаи тур
вя́занье *с (изделие)* чизи бофташуда
вяза́ть *несов.* 1. *кого-что* бастан; ~ **снопы́** дарза (банд) бастан; ~ **ру́ки кому́-л.** дастҳои касеро бастан; ~ **в у́зел** буғча карда бастан 2. *кого-что перен.* фишор (тазьиқ) додан, маҳдуд кардан; ~ **по рукам и нога́м кого́-л.** дасту пои касеро баста мондан, касеро побанд кардан; сахт фишор додан, тазьиқ кардан 3. *что* бофтан; ~ **кру́жево** ҳошияи тур бофтан; ~ **чулки́** ҷуроб бофтан 4. *что и без доп.* даҳан қоқ (бурма) кардан; **хурма вя́жет** [**рот**] хурмо даҳанро бурма мекунад 5. *что тех.* часпондан, мазбут кардан, пайвастан 6. *что стр.* ба ҳам пайванд кардан, ба ҳам часпондан; ~ **бру́сья** чубҳои чортарошро ба ҳам пайваст кардан ◇ **лыка не вя́жет** *прост.* масти лояъқал
вяза́ться *несов.* 1. мувофиқ (баробар) омадан; **его́ слова́ пло́хо вя́жутся с де́лом** гуфтораш ба кирдораш мувофиқ намеояд, дилаш дигару забонаш дигар 2. *страд.* баста шудан; бофта шудан; пайваста шудан ◇ **де́ло не вя́жется** кор пеш намеравад, кор намепазад; **разгово́р не вя́жется** гуфтугу намечаспад, гап қур намехурад
вя́зк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **вяза́ть** 1, 2, 4, 5) бастан(и), бофиш; часпондан(и), пайвастан(и); ~ **снопо́в** бандбандӣ, дарзабандӣ 2. *(способ)* бофтан(и), бофт **сви́тер ручно́й** ~**и** свитери дастибофт 3. *прост.* даста, банд; ~**а бу́бликов** як даста халқакулча
вя́зк||ий, -ая, -ое (вя́з|ок, -ка́, -ко) 1. часпанда, часпак, ёзанда, илқак; ~**ое вещество́** моддаи часпак 2. ботлоқдор, лойқадор; ~**ая по́чва** шиварзамин 3. *разг. (вяжущий)* даҳан қоққунанда, бурмакунанда
вя́зкость *ж* часпандагӣ, часпакӣ, ёзандагӣ, илқак будан(и); ~ **гли́ны** часпакии гил
вязи́||уть *несов.* 1. ғӯтида рафтан; ғутидан, ғӯтида мондан, ғӯтида андармон шудан; **колёса** ~**ут в гли́не** чархҳои ароба ба гил меғутанд 2. *разг. (о пище)* дармондан, мондан; **мя́со** ~**ет в зуба́х** гӯшт дар байни дандонҳо мемонад
вя́зов||ый, -ая, -ое ...и ларг, ...и дарахти ларг, ларгӣ; ~**ая кора́** пустлоқи ларг
вязь *ж* 1. *(узор)* нақш, нақша 2. *(вид письма)* ҳуруфи мусалсал; **ара́бская** ~ хати арабӣ 3. *прост. и обл.* дарзабандӣ
вя́кать *несов. прост. и обл.* 1. гоҳ-гоҳ садо баровардан; аккос задан; мияв-мияв кардан 2. сафсата (ҳарза) гуфтан
вя́ление *с (по знач. гл.* **вя́лить**) қоқ (хушк) кардан(и)
вя́ленный *прич.* (вя́лен, -а, -о) қоқ кардашуда, хушк кардашуда
вя́лен||ый, -ая, -ое қоқ, хушк; ~**ая ры́ба** моҳии қоқ
вя́лить *несов. что* қоқ (хушк) кардан
вя́литься *несов.* 1. қоқ (хушк) шудан 2. *страд.* қоқ (хушк) карда шудан
вя́ло *нареч.* суст, ланҷ; **говори́ть** ~ ланҷ гап задан; **рабо́тать** ~ суст кор кардан
вя́лость *ж* пажмурдагӣ; сустӣ, беҳолӣ, заифӣ, ланҷӣ
вя́л||ый, -ая, -ое (вял, -а, -о) 1. *тк. полн. ф.* пажмурда, буҷмалак; ~**ые ли́стья** баргҳои пажмурда 2. *перен.* пакар, беҳол, заиф, ланҷ; ~**ый ребёнок** кудаки пакар
вя́нуть *несов.* 1. пажмурда (бетаровaт) шудан 2. *перен.* суст (заиф, ланҷ, бетаровaт) шудан ◇ **у́ши вя́нут** гушн кас ба қомат меояд
вя́тичи *мн. ист.* вятичҳо *(тоифаи славянҳои шарқӣ, ки дар ҳавзаи дарьёи Ока мезистанд)*
вя́хирь *м* харкафтар, кабӯтари ҷангалӣ (ваҳшӣ)
вя́щ||ий, -ая, -ее *уст. книжн. теперь шутл.* аз ҳама зиёдтар (калонтар, бештар); **для** ~**ей убеди́тельности** барои исботи қатъӣ

Г

га *м нескл.* гектар; **сто га сад** гектар
габарди́н *м* габардин
габарди́нов||ый -ая, -ое ...и габардин; ~**ое пальто́** пальтои габардин
габари́т *м* 1. габарит, андоза, ҳаҷм; ~ **ваго́на** андозаи вагон 2. *ж.-д.* габарит *(масофаи байни роҳи оҳан ва иморатҳои назди он)*
габари́тный, -ая, -ое ...и габарит
габио́н *м гидротех.* габион *(турхалтаи симин, ки ба он санг пур карда барои банди об ва ғ. кор мефармоянд)*
га́битус *м биол., мед.* намуд, шамоил, башара, суроб
гав *звукоподр.* ак-ак *(аккоси саг)*
гава́нский, -ая, -ое ...и бандар
гава́нск||ий, -ая, -ое ...и Гаванна; ~**ая сига́ра** сигараи Гаванна; ~**ий таба́к** тамокуи Гаванна
га́вань *ж* бандар, лангаргоҳ; **есте́ственная** ~ бандари табиӣ; **входи́ть в** ~ ба бандар даромадан
га́вканье *с* ак-ак, аккос
га́вкать *несов. прост.* ак-ак кардан, аккос задан
га́вкнуть *сов. однокр. к* **га́вкать**
гаво́т *м муз.* гавот *(рақси қадими франсавӣ ва мусиқии он)*
га́га *ж зоол.* гага *(мурғобии қутбӣ)*
гага́ра *ж зоол.* исфируд
гага́р||ий, -ья, -ье ...и исфируд; ~**ье гнездо́** лонаи исфируд
гага́рка *ж зоол.* гагарка *(урдаки қутбӣ)*
гагау́з *м* гагауз; *см.* **гагау́зы**
гагау́зка *ж* гагауззан, гагауздухтар; *см.* **гагаузы**
гагау́зский, -ая, -ое ...и гагауз, гагаузӣ
гагау́зы *мн.* гагаузҳо *(номи халқе, ки дар Украина, Молдавия, Болгария ва Румыния зиндагӣ мекунад)*
гага́чий, -ья, -ье ...и гага; ~ **пух** пари гага
гад *м* 1. хазанда; *чаще мн.* **гады** хазандагон 2. *перен. бран.* палид, хабис, бадҷинс; ~ **ползу́чий!** мори бадху́!

гада́лка *ж* фолбин, фолбинзан, раммола

гада́льный, -ая, -ое ...и фолбинӣ, ...и раммолӣ

гада́льщик *м* фолбин, раммол

гада́льщица *женск. к* **гадальщик**

гада́ние *с* (*по знач. гл.* **гадать**) фол дидан(и), фолбинӣ, раммолӣ; фарз; ~ **на ка́ртах** бо қарта фол дидан; ~ **по руке́** аз руи раҳҳои даст фол дидан

гада́тельно *нареч.* тахминан, фарзан

гада́тельн||ый, -ая, -ое (гадате|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* ...и фолбинӣ; ...и раммолӣ 2. тахминӣ, фарзӣ

гадать *несов.* 1. фол дидан, рамл андохтан; ~ **на картах** бо қарта фол дидан 2. тахмин (фарз) кардан; ~ **по-пустому** беҳуда тахмин кардан 3. *в сочет. с гл. «думать», чаще с отрицанием прост.* гумон доштан, донистан; **никто́ не ду́мал не гада́л** кӣ гумон дошт, ки...; кӣ медонист, ки... ◇ ~ **на боба́х**, ~ **на кофе́йной гу́ще** фарзу тахминҳои хом кардан, гумони ботил доштан

гадёныш *м* 1. *уст.* морбача, хазанда 2. *прост. бран.* морбача

гадина *ж* 1. *разг. см.* **гад** 1; 2. *прост. бран. см.* **гад** 2

гадить *несов.* 1. *разг.* (*о животных, птицах*) ифлос (начас) кардан 2. *кому прост.* зарар (халал) расондан, зиён овардан

га́дкий, -ая, -ое (га́д|ок, -ка́, -ко) 1. нафратовар, палид; зишт, бадафт; **он мне гадок** у нафрати маро меоварад 2. ганда, қабеҳ; ~ **посту́пок** кирдори қабеҳ; ~ **челове́к** одами манфур

га́дко *нареч.* қабеҳона; **он поступи́л** ~ у кабеҳона рафтор кард

гадливо *нареч.* бо қабоҳат

гадли́вост||ь *ж* қабоҳат, кароҳат; **чу́вство** ~**и** ҳисси қабоҳат

гадли́в||ый, -ая, -ое (гадли́в, -а, -о) қабоҳатангез, кароҳатангез; **испытывать** ~**ое чу́вство к кому́-л.** ба касе нафрат доштан, аз касе кароҳат доштан

гадоли́ний *м хим.* гадолиний (*элементи химиявӣ, металл*)

га́достный, -ая, -ое (гадост|ен, -на, -но) *разг.* манфур, палид, қабех

га́дост||ь *ж разг.* 1. начосат, ифлосӣ; **вы́брось э́ту** ~**ь!** ин ифлосиро мон! 2. кори бад, кирдори зишт; **де́лать** ~**и** кори бад кардан 3. *чаще мн.* **гадости** алфози қабеҳ; **говори́ть** ~**и** алфози қабеҳ гуфтан ◇ **какая** ~**ь!**, **вот** ~**ь!**, **что за** ~**ь!** ин чӣ расвой! ин чӣ қабоҳат!

гадюка *ж* 1. мори афъӣ 2. *перен. бран.* палид, бадҷинс

гадю́чий, -ья, -ье ...и мори афъӣ

га́ер *м уст.* масхарабоз, масхара

га́ерничать *несов. см.* **га́ерствовать**

га́ерский, -ая, -ое *уст.* ...и масхарабоз, масхарабозона

га́ерство *с уст.* масхарабозӣ

га́ерствовать *несов. уст.* масхарабозӣ кардан

га́ечный, -ая, -ое ...и гайка; ~ **ключ** калиди гайкатобӣ

га́же *сравн. ст. к* **га́дкий** *и к* **га́дко**

газ I *м* 1. *в разн. знач.* газ; **углекислый** ~ *хим.* гази карбон; **серни́стый** ~ *хим.* гази сульфид; **радиоакти́вные** ~**ы** *физ.* газҳои радиоактив; **за́пах** ~**а** буи газ; **вы́ключить** ~ газро хомуш кардан; **гото́вить на** ~**е** дар газ пухтан 2. *мн.* **га́зы** боди шикам ◇ **на по́лном** ~**е** (~**у́**) *прост.* бо суръати тамом; **дать** ~ (~**у**) *прост.* газ додан, тезондан; **сба́вить** ~ *прост.* ҳаракати мошинро суст кардан

газ II *м* (*ткань*) ҳарир

газава́т *м рел.* ғазовот

газану́ть *сов. однокр. к* **газова́ть**

газа́ция *ж. см.* **гази́рование**

газго́льдер *м тех.* газгольдер, газхона

газе́л||ий, -ья, -ье ...и ғизол, ...и оҳу; ~**ьи глаза́** чашмони ғизол

газе́лла *ж см.* **газе́ль** II

газе́ль I *ж зоол.* ғизол, оҳу

газе́ль II *ж лит.* ғазал

газе́т||а *ж* газета, рузнома; **стенна́я** ~**а** рузномаи деворӣ; **подписа́ться на** ~**у** ба газета обуна шудан ◇ **ходя́чая** ~**а** *уст.* [шахси] аз ҳар чиз бохабар

газе́тн||ый, -ая, -ое ...и газета; ~**ая бума́га** коғази газета; ~**ый кио́ск** дуконҷаи рузномафурушӣ (газетафурушӣ); ~**ая статья́** мақолаи газета

газе́тчик *м* 1. *разг.* корманди (ходими) газета 2. *уст.* газетафуруш

газе́тчица *женск. к* **газе́тчик** 2

газик *м разг.* газик (*автомобиль*)

гази́рование *с* (*по знач. гл.* **газировать**) газнок (газдор) кардан(и); ~ **напи́тков** газнок кардани нушокиҳо

газиро́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* газнок (газдор) кардашуда 2. *прил.* газнок, газдор; ~**ая вода́** оби газнок (газдор)

гази́ровать *несов.* газнок (газдор) кардан; ~ **во́ду** обро газнок (газдор) кардан

гази́роваться *несов. страд.* газнок (газдор) карда шудан

газиро́вка *ж* 1. *см.* **гази́рование**; 2. *разг.* газоб, оби газнок (газдор)

газификатор *м* газификатор

газифика́ция *ж* 1. газификация, ба газ мубаддал кардан(и); ~ **то́рфа** торфро ба газ табдил додан 2. газификация; ~ **кварти́р** газификацияи хонаҳо

газифици́рованн||ый, -ая, -ое *прич. прил.* газификацияшуда; ~**ые дома** хонаҳои газификацияшуда

газифици́ровать *сов., несов. что* 1. ба газ табдил додан; ~ **у́голь** ангиштро ба газ табдил додан 2. газификация кардан, газ гузаронда, бо газ таъмин кардан; ~ **дома́** ба хонаҳо газ гузаронда

газифици́роваться *несов. страд.* ба газ табдил дода шудан; газ гузаронда шудан

газли́фт *м тех.* газлифт (*асбоби баланд бардоштани моеот ба воситаи гази фушурдашуда*)

газо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «газ», «газӣ»:* **газоочистка** газтозакунӣ

газоанализа́тор *м тех.* газтаҳлилкунак; **автомати́ческие** ~**ы** газтаҳлилкунакҳои автомати

газобаллон *м тех.* газобаллон, баллони газ

газобалло́нный, -ая, -ое ...и газобаллон, газобаллондор; ~ **автомобиль** автомобили газобаллондор

газобето́н *м тех.* газобетон (*як навъи бетон*)

газова́ть *несов. прост.* газ додан, тезондан

газови́к *м разг.* газгар (*коркуни саноати газ*)

газово́з *м тех.* мошини газкашон

газовщи́к *м разг.* газчӣ, газгар (*коркуни соҳаи газификация*)

га́зов||ый I, -ая, -ое *в разн. знач.* ...и газ; ~**ая промы́шленность** саноати газ; ~**ая плита́** плитаи газ; ~**ая ре́зка** *тех.* газбуриш; ~**ая сва́рка** *тех.* газкафшер ◇ ~**ая гангре́на** *мед.* қаросон

га́зовый II, -ая, -ое ...и ҳарир; ~ **шарф** гарданпечи ҳарир

газогенера́тор *м тех.* газогенератор (*печи махсус барои ба гази сӯзанда табдил додани сӯзишворӣи сахт*)

газогенера́торн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и газогенератор; ~**ая устано́вка** дастгоҳи газогенератор

газоизмери́тель *м см.* **газоме́р**

газо́йль *м тех.* газойль (*маҳсули софкории нафт*)

газолин *м тех.* газолин (*моеи сузанда*)

газоли́новый, -ая, -ое *тех.* ...и газолин, газолинӣ; ~ **дви́гатель** муҳаррики газолинӣ

газоме́р *м тех.* газсанҷ

газомёт *м уст. воен.* газомёт, газфишон (*яроқи ҳуҷуми химиявӣ*)

газомото́р *м* газомотор (*моторе, ки бо газ ба ҳаракат оварда мешавад*)

газо́н *м* чаман, сабзазор

газонепроница́емость *ж* газногузарӣ, газногузар будан(и)

газонепроница́ем||ый, -ая, -ое (газонепроницаем, -а, -о) газногузар; ~**ая перегоро́дка** девораи газногузар

газо́нный, -ая, -ое сабзазорӣ, ...и сабзазор, ...и чаман

газоно́сность *ж* газдорӣ; ~ **пласта́** газдории қабати замин

газоно́сный, -ая, -ое (газонос|ен, -на, -но) газдор; ~ **пласт** қабати газдори замин

газообмен *м* мубодилаи газ

газообразность *ж* газгунӣ

газообразн||ый, -ая, -ое (газообра́з|ен, -на, -но) газгун; ~**ое веществ́о** моддаи газгун; ~**ое состояние** ҳолати газгун

газообразова́ние *с* газҳосилшавӣ, ҳосил шудани газ, ба газ мубаддал шудан(и), газ шудан(и)

газоочи́стка *ж* газтозакунӣ (*аз газ ҷудо кардани омехтаҳои дигар*)

газопрово́д *м* газопровод, қубури газ

газопрово́дн||ый, -ая, -ое 1. ...и газопровод, ...и қубури газ 2. ...и газгузаронӣ; ~**ая труба́** ғулбаи газ

газопрово́дчик *м* газгузаронанда
газопроиицае́мость *ж* газгузарӣ, газгузар будан(и)
газопроница́емый, -ая, -ое (газопроница́ем, -а, -о) газгузар
газоразря́дный, -ая, -ое *эл.* газпартав
газосва́рка *ж* газкафшер
газосва́рочный, -ая, -ое ...и газкафшер; ~ **агрега́т** агрегати газкафшер
газосва́рщик *м* газкафшергар
газосве́тн||ый, -ая, -ое *см.* **газоразря́дный**; ~**ая ла́мпа** газчароғ
газотурби́нн||ый, -ая, -ое газотурбинӣ, ...и турбинаи газ; ~**ая электроста́нция** станцияи электрикии газотурбинӣ
газоубе́жище *с* паноҳгоҳ аз газ
газохрани́лище *с* анбори газ, газанбор
газыри́ *мн.* (*ед.* **газы́рь** *м*) газырь, тирмонаки сари сина
гай *м обл.* чакалак
гайда́ *межд. в знач. сказ. прост.* ҳайда, ҳай кун
гайдама́к *м ист.* гайдамак (1. *казаки шуришгари Украина дар асри 18*; 2. *аскари дастаҳои контрреволюционӣ дар Украина дар давраи ҷанги гражданин солҳои 1918—1920)*
гайдама́цкий, -ая, -ое ...и гайдамак, гайдамакӣ
гайду́к *м ист.* 1. (*слуга, лакей*) пешхизмат, хизматгор 2. гайдук (*иштирокчии дастаҳои партизанҳо, ки барои истиқлолият бар зидди туркҳо мубориза мебурданд)*
гайду́цкий, -ая, -ое *ист.* ...и гайдук, гайдукӣ
га́йк||а *ж* гайка; **отвинти́ть** ~**у** гайкаро тофта баровардан ◇ **подкрути́ть (подверну́ть)** ~**у** (~**и**) **кому́-л.** *прост.* таноби касеро кашидан
гаймори́т *м мед.* гайморит (*варами пардаи луобии ду тарафи бинӣ)*
гайта́н *м обл.* қайтун
гак I *м мор.* гак (*чангаки пӯлодӣ дар киштӣ барои борбардорӣ, овехтани завраққо ва ғ.)*
гак II *м*: **с** ~**ом** *прост.* андаке зиёд, анд; **ему́ лет со́рок с** ~**ом** синни у аз чил андаке зиёд аст; синни у чилу анд аст
гала́ *неизм. прил.* гала, тантананок, бошукуҳ; ~**-представле́ние** тамошои бошукуҳ.
гала́ктика *ж астр.* галактика ◇ **на́ша Гала́ктика** Галактикаи мо
галакти́ческий, -ая, -ое ...и галактика, галактики
галантере́йность *ж уст. разг. ирон.* мулоимхунукӣ
галантере́йн||ый, -ая, -ое 1. ...и чарчинворӣ ...и чарчинфурушӣ; ~**ые това́ры** чарчинворӣ 2. *уст. разг. ирон.* мулоимхунукона; ~**ое обраще́ние (обхожде́ние)** муомилаи мулоимхунукона
галантере́йщик *м уст.* чарчинфуруш
галантере́я *ж* 1. *собир.* чарчинворӣ, чарчииворихо; **ко́жаная** ~ чарчинворин чармин 2. (*магазин*) дукони чарчинфурӯшӣ, дӯконн чарчинворӣ
гала́нтно *нареч.* бо назокат
гала́нтность *ж* назокат, адаб, такаллуф
гала́нтный, -ая, -ое (гала́нт|ен, -на, -но) бо назокат, боадаб, ботакаллуф; ~ **молодо́й челове́к** ҷавони ботакаллуф
галдёж *м прост.* ғалоғула, мағал, чалочул
галде́ть *несов. прост.* ғалоғула (мағал) кардан; **переста́ньте** ~! мағалро бас кунед!
гале́ра *ж ист.* галера (*киштии калони бодбондори ҳарбии қадимӣ, ки ба воситаи белҳои сершумор мерондаид)*
галере́йный, -ая, -ое ...и галерея
галере́я *ж* 1. долон, тим, роҳрав 2. *воен.* нақб; **ми́нная** ~ нақби минагузорӣ 3. *уст. театр. см.* **галёрка**; 4. *перен.* қатор, силсила; ~ **худо́жественных о́бразов** силсилаи образҳои бадеӣ ◇ **карти́нная** ~ нигористон
галёрка *ж разг.* галёрка (*қатори боло дар театр, цирк ва ғ.)*
гале́рный, -ая, -ое *ист.* ...и галера
гале́та *ж* галета, фатиркулча
га́лечник *м* шағалзамин, зароған
га́лечн||ый -ая, -ое шағалӣ, шағалдор, шағаломез; ~**ое дно** қаъри зароған; ~**ый нано́с** таҳнишини зароған
галимать||я́ *ж разг.* ҳарза, сафсата, ёва; **нести́** ~**ю** ҳарза гуфтан
галифе́ *мн. и с нескл.* галифе (*шим*)
галка *ж* зоғча ◇ **счита́ть га́лок** 1) даҳаньяла будан; 2) танбалӣ (коҳилӣ) кардан
га́ллий *м хим.* галлий (*элементи химиявӣ, металл)*
галлици́зм *м лингв.* галлицизм (*калима ё ибораи франсавӣ дар забони дигар)*
галло́н *м* галлон (*ченаки моеот ва масолеҳи реза дар Англия, ки баробари 4,5 л аст, дар ШМА 3,7 л — барои моеот — ва 4,4 л барои масолеҳи реза)*
га́ллы I *мн. ист.* (*ед.* **галл** *м*) галлҳо (*номи римии қабилаи кельтҳо, ки дар асрҳои 4—1 пеш аз мелод дар як қисми хоки Франция ва Бельгия сокин буданд)*
га́ллы II *тк. мн. бот.* гурм, ғурум
га́лльск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и галлҳо; ...и галл; ~**ие племена́** қабилаҳои галл
галлюцинато́рн||ый, -ая, -ое *мед.* ...и галлюцинация, ... и тавахҳум; ~**ое состоя́ние** ҳолати тавахҳум
галлюцина́ция *ж* галлюцинация, тавахҳум; **страда́ть** ~**ми** мубталои тавахҳум будан
галлюцини́ровать *несов.* дар тавахҳум будан
га́ло *с нескл. астр.* ҳола, парҳун
галоге́нн||ый, -ая, -ое *хим.* ...и галоген, галогенӣ; ~**ые отложе́ния** таҳнишини галоген
галоге́ны *мн. хим.* галогенҳо (*элементҳои химиявӣ: фтор, хлор, бром, йод)*
гало́идн||ый, -ая, -ое *хим.* ...и галоид, галоидӣ; ~**ые соедине́ния** пайвастҳои галоидӣ
гало́иды *мн. см.* **галоге́ны**
гало́п *м* 1. (*аллюр*) чорхез кардани (тохтани) асп; **подня́ть коня́ в** ~ аспро чорхез давондан (кунондан) 2. *уст.* галоп (*рақси қадимӣ ва мусиқии он)*
галопи́ровать *несов.* чорхез кардан; чорхез кунондан (занондан)
гало́пом *нареч.* 1. чорхез, чорхез карда; **пусти́ть ло́шадь** ~ аспро чорхез кунондан 2. *перен. разг.* хеле тез ◇ ~ **по Евро́пам** сатҳӣ, рӯякӣ
галофи́ты *мн. бот.* галофитҳо (*растаниҳои дар шуразамин руянда)*
га́лоч||ий, -ья, -ье ...и зоғча; ~**ье гнездо́** ошьёнаи зоғча
га́лочк||а *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **га́лка**; 2. *разг.* аломати қайд — «V»; **ста́вить** ~**и на поля́х кни́ги** дар ҳошияҳои китоб ишораҳо гузоштан
гало́ши *мн.* (*ед.* **гало́ша**) *см.* **кало́ша**
гало́шница *ж разг.* калушмонак
гало́шный, -ая, -ое ...и калуш; ...и калушбарорӣ; ~ **цех** цехи калӯшбарорӣ
галс *м мор.* галс (1. *рафти киштии бодбонӣ нисбат ба вазиши бод* 2. *масофаест дар рафти киштие, ки роҳи худро тадриҷан дигар карда меистад* 3. *таноби бодбони уреб)*
га́лстук *м* галстук; **пионе́рский** ~ галстуки пионерӣ ◇ **заложи́ть (зали́ть) за** ~ *прост.* ба гулӯ рехтан, май нушидан
га́лстучный, -ая, -ое ...и галстук
галу́н *м* оба, шероза, зеҳи калобатунӣ; **обши́ть** ~**о́м** шероза дӯхтан
галу́ргия *ж хим.*, *тех.* галургия (*соҳаи технологияи химия, ки усулҳои ҳосил кардани намакҳоро меомӯзад)*
галу́шки *мн.* (*ед.* **галу́шка** *ж*) галушка (*як хел угрои украинӣ)*
галчо́нок *м* зоғча
гальваниза́ция *ж* гальванизация (*кор фармудани ҷараёни доимии электрик дар техника ё тиб)*
гальванизи́рование *с* (*по знач. гл.* **гальванизи́ровать**) гальванизация, гальванизация кардан(и)
гальваиизи́ровать *сов.*, *несов.* *что* гальванизация кардан
гальванизи́роваться *несов. страд.* гальванизация шудан
гальвани́ческ||ий, -ая, -ое 1. гальванӣ; ~**ий ток** токи гальванӣ; ~**ие элеме́нты** элементҳои гальванӣ 2. ...и гальванизация
гальвано́метр *м* гальванометр (*асбоби андоза кардани ҷараёни сусти электри́к)*
гальванопла́стика *ж* гальванопластика (*ба воситаи қувваи электрик бо металл рӯйбаст кардани ягон чиз)*
га́льк||а *ж* шағал // *собир.* шағал, зароған; **мо́ре выбра́сывало на бе́рег** ~**у** баҳр ба соҳил шағал бароварда мепартофт
гальюн *м мор. прост.* мабраз
гам *м разг.* ғавғо, ғалоғула, мағал; **шум и** ~ мағалу ғавғо
гамадри́л *м зоол.* гамадрил (*маймуни калончусса)*
гама́к *м* гамак, алвонч туралвончи овеза

гама́ши *мн.* (*ед.* **гама́ша** *ж*) гамаша, соқпушак

гамби́т *м шахм.* гамбит

гамбу́зия *ж зоол.* гамбузия (*моҳии майда*)

гамма I *ж* 1. *муз.* қаторовоз; **мажо́рная** ~ қаторовози мажорӣ 2. *перен.* анвоъ, як қатор, силсила; ~ **красок** анвои рангҳо

гамма II *ж* (*буква*) гамма (*номи ҳарфи сеюми алифбои юнонӣ*)

гамма-лучи́ *мн. физ.* гаммашуоъҳо

га́мма-ме́тод *м геофиз.* гамма-метод (*усули геофизикии ҷустуҷуи маъдан*)

га́нглий *м анат.* ганглий, гиреҳи асабҳо

гангре́на *ж* гангрена, окила, қаросон ◇ **газовая** ~ *мед.* қаросон

гангрено́зный, -ая, -ое гангренагӣ, ...и окила; ...и қаросон

га́нгстер *м* гангстер, роҳзан, ғоратгар

гангстери́зм *м* гангстеризм, роҳзанӣ, ғоратгарӣ

га́нгстерский, -ая, -ое ...и гангстер, ...и роҳзан, ...и ғоратгар

га́нгстерство *с* гангстерӣ, роҳзанӣ, ғоратгарӣ

гандбо́л *м спорт.* гандбол

гандболи́ст *м спорт.* гандболбоз

гандикап *м спорт.* гандикап (1. *дар мусобиқаҳои варзиш додани афзалият ба бозигарони нисбатан суст барои баробар кардани қувваи тарафайн* 2. *пойгаи аспони синну лаёқаташон нобаробар*)

ганте́ль *ж спорт.* гантель (*асбоби варзиш*)

гаолян *м бот.* говарс

гаоляновый, -ая, -ое *бот.* говарсӣ, ...и говарс

гара́ж *м* гараж; **поста́вить маши́ну в** ~ мошинро ба гараж дароварда мондан

гара́жн||ый, -ая, -ое ...и гараж; ~**ые мастерски́е** устохонаҳои гараж

гара́нт *м юр.* гарант, кафил, зомин

гаранти́йный, -ая. -ое ...и кафолат, кафолатдиҳанда, замонатӣ; ~ **до́говор** шартномаи кафолат; ~ **срок** муҳлати кафолат

гаранти́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* таъмин кардашуда 2. *прил.* замонатдор, ҳатмӣ, таъминшуда; ~**ая зарабо́тная пла́та** музди ҳатмии кор, музди таъини меҳнат

гаранти́ровать *сов., несов.* 1. *что* замонат додан, зомин (кафил) шудан, таъмин кардан; ~ **успе́х** ба муваффақият зомин шудан 2. *кого-что от чего* эмин (муҳофиза) кардан

гарантироваться *несов. страд.* таъмин карда шудан; эмин карда шудан

гара́нти||я *ж* кафолат, замонат, гарав; **без** ~**и** бе кафолат, бе замонат; **в э́том** ~**я на́шего успе́ха** гарави муваффақияти мо дар ҳамин аст; **междунаро́дные** ~**и** кафолати байналхалқӣ

гардемари́н *м ист.* гардемарин (*дар Русияи пеш аз революция — унвони талабаи синфи болои корпуси кадетии баҳрӣ*; *рутба дар флоти рус*)

гарде́ния *ж бот.* тасбеҳак

гардеро́б *м* гардероб (1. *ҷевони либос* 2. *либосхонаи идора ва муассисаҳо* 3. *ҷамъи либосҳои як одам*); **э́то весь мой** ~ ҳамаи либоси ман ҳамин аст

гардеробная *ж см.* **гардеро́б** 2

гардеробный, -ая, -ое ...и гардероб

гардеробщик *м* гардеробчӣ, ҷомадор

гардеробщица *женск. к* **гардеро́бщик**

гарди́на *ж* парда; **о́кна, заве́шенные** ~**ми** тирезаҳои пардапуш

гарди́нный, -ая, -ое ...и парда; ~**тюль** тури парда

гарев||о́й, -ая, -ое ...и дажғол; дажғолфарш, дажғолпуш; ~**а́я доро́жка** *спорт.* пайраҳаи дажғолфарш

гаре́м *м* 1. ҳарам, ҳарамхона, ҳарамсаро 2. *собир.* аҳли ҳарам

гаремный, -ая, -ое ҳарамӣ, ...и ҳарам

га́ркать *несов. см.* **гаркнуть**

гаркнуть *сов.* 1. *что и без доп. прост.* бонг (аррос) задан, наъра кашидан; ~ **во весь го́лос** гулу дарронда аррос задан; **серди́то** ~ бо қаҳру ғазаб бонг задан 2. *на кого* аррос зада тарсондан, дуғ задан

гармала *ж бот.* ҳазориспанд

гармониза́ция *ж муз.* 1. гармонизация (*таснифи оҳанг мувофиқи қоидаҳои гармония*) 2. ҳамоҳангкунӣ

гармонизи́ровать *сов., несов. что муз.* гармонизация кардан; ҳамоҳанг кардан

гармонизи́роваться *несов. муз.* ҳамоҳанг шудан, мутобиқат кардан

гармонизовать(ся) *сов., несов. см.* **гармонизи́ровать(ся)**

гармо́ника *ж* 1. (*музыкальный инструмент*) гармонь; **губная** ~ гармони нафасӣ 2. *ж.-д. разг.* гармоника (*пардаи чин-чини чармин ё ягон матои дурушт барои пӯшондани гузаргоҳи байни ду вагон*)

гармони́р||овать *сов., несов.* мувофиқ будан, мутобиқат кардан; **его́ посту́пки вполне́** ~**уют с его́ вне́шним о́бликом** рафтору кирдори у бо симои зоҳириаш комилан мувофиқ аст

гармони́ст *м* гармоннавоз

гармони́чески *нареч.* хушоҳанг; мувофиқ, мутаносиб

гармони́ческ||ий, -ая, -ое 1. *см.* **гармони́чный**; ~**ое разви́тие челове́ческой ли́чности** инкишофи мутаносиби шахсияти инсон 2. *муз.* мувофиқи гармония 3. мавзун, баробарвазн, баробарандоза; ~**ие колеба́ния** лаппишҳои мавзун

гармони́чно *нареч.* хушоҳанг; мувофиқ, мутаносиб

гармони́чность *ж* хушоҳангӣ, хушоҳанг будан(и); мувофиқӣ, мутаносибӣ

гармони́чн||ый, -ая, -ое (гармони́ч|ен, -на, -но) 1. хушоҳанг, хушнаво, мавзун; ~**ое пе́ние** хониши мавзун; ~**ые стихи́** шеъри хушоҳанг 2. мувофиқ, мутаносиб, муносиб; ~**ое сочета́ние** таркиби мутаносиб

гармония I *ж* 1. хушоҳангӣ, хушнавоӣ; ~ **стиха** хушоҳангии шеър 2. ба ҳам мувофиқ будан(и), мувофиқат, мутобиқат; ~ **интересов** мувофиқати манфиатҳо 3. *муз.* гармония (*таълимоти дуруст ҷур кардани овозҳо дар композиция*) 4. *лингв.*: ~ **гла́сных** *см.* **сингармони́зм**

гармония II *ж разг. см.* **гармо́ника** 1

гармонь *ж разг. см.* **гармоника** 1

гармо́шка *ж разг.* 1. *см.* **гармо́ника** 1; 2. *в знач. нареч.* **гармошкой, в гармо́шку** чин-чин, чиндор

гарнец *м уст.* гарнец (1. *мера — ченаки масолеҳи реза баробари 3,28 литр, ки дар Россия пеш аз ҷорӣ шудани системаи метрии ченакҳо кор фармуда мешуд* 2. *сосуд — зарфи ҳаҷмаш як гарнец*)

гарнизо́н *м воен.* гарнизон

гарнизо́нн||ый, -ая, -ое гарнизонӣ, ...и гарнизон; ~**ая слу́жба** хизмати гарнизон ◇ ~**ая кры́са** *уст. пренебр.* калламуши гарнизон (*дар бораи ҳарбиёни паструтбаи гарнизон*)

гарни́р *м кулин.* гарнир, хуриши таом; **рыба с** ~**ом** моҳи бирьёни хуришдор

гарниту́р *м* гарнитур (*як дастаи пурра ё маҷмуи чизҳо*); ~ **белья** гарнитури либос; ~ **ме́бели** гарнитури мебель

гарниту́рный, -ая, -ое ...и гарнитур

га́рн||ый, -ая, -ое *уст.* сузанда, сухтанбоб, месухтагӣ; ~**ое масло** равғани сиёҳчароғ

га́рпия *ж* 1. *миф.* гарпия (*дар асотири Юнон аждарзани қанотдор*) 2. *перен.* зани девсиришт 3. *зоол.* гарпия (*мурғи ваҳшии Америкаи Ҷанубӣ*; *хаффоши калони Осиёи Ҷанубӣ*)

гарпу́н *м* соскан (*найзаи чангакдор, ки дар шикори наҳанг, тюлень ва моҳиҳои калон кор фармуда мешавад*)

гарпунёр *м см.* **гарпу́нщик**

гарпунить *несов. кого-что* соскан задан

гарпу́нн||ый, -ая, -ое ...и соскан; ~**ая пу́шка** тупи сосканзанӣ

гарпу́нщик *м* сосканзан, сосканандоз

гарсо́н *м* гарсон (*пешхизмати ресторан, кафе ва ғ. дар Франция ва Италия*)

гарт *м полигр.* гарт (*гудохтаи қалъагӣ, қурғошим ва сурма барои рехта тайёр кардани ҳарфҳои матбаа*)

га́ртовый, -ая, -ое *полигр.* ...и гарт, гартӣ

гарус *м* 1. (*пряжа*) калобаи пашмин; **вышива́ть** ~**ом** бо калобаи пашмин гулдӯзӣ кардан; **вяза́ть из** ~**а** аз пашм бофтан 2. (*ткань*) гарус (*матои пахтагии нарм*)

гарусный, -ая, -ое ...и гарус, гарусӣ; ~ **шарф** гарданпечи гарусӣ

гарцева́ние *с* (*по знач. гл.* **гарцевать**) чопандозӣ; ~ **на ло́шади** чопандозӣ кардан

гарцева́ть *несов.* чопандози кардан

гаршнеп *м зоол.* курпатак

гар||ь *ж* 1. сухта; **порохова́я** ~**ь** сухтаи борут; **за́пах** ~**и** бӯи сӯхта; **па́хнет** ~**ью** бӯи сӯхта меояд 2. сӯхта, гул; ~**ь на дне** **кастрюли** сӯхтаи таги

дегча 3. *собир.* дажғол 4. *(пожарище)* ҷои сухтаи ҷангал

гасильник *м уст.* шамъкушак *(асбоби кулоҳчашакл барои хомуш кардани шамъ, фонус ва ғ.)*

гаси́льный, -ая, -ое ...и хомушкунӣ

гаси́тель *м* 1. *(для гашения света, огня)* хомӯшкунак *(номи ҳар хел асбобҳое, ки барои хомуш кардани чароғ, оташ ва ғ. кор фармуда мешавад)* 2. *перен. уст. книжн.* пахшкунанда, поймолкунанда 3. *тех.* рафъкунак *(асбобе, ки таъсири чизеро суст мекунад, боз медорад ё бартараф менамояд)*; ~ **колеба́ний** рафъкунаки лаппишҳо

гаси́ть *несов. что* 1. хомуш кардан, куштан; ~ **свет** чароғро хомуш кардан 2. *перен.* пахш кардан, зер кардан 3. *тех.* рафъ кардан; ~ **колеба́ния** ларзишро (лаппишро) рафъ кардан 4. аз эътибор соқит кардан, хат задан; ~ **ма́рку** маркаро мӯҳр зада аз эътибор соқит кардан; ~ **задо́лженность** қарзро адо кардан ◇ ~ **и́звесть** оҳакро шукуфондан

гаси́ться *несов. страд.* хомуш карда шудан, кушта шудан; аз эътибор соқит карда шудан

га́сн||уть *несов.* 1. хомӯш шудан; **звёзды** ~**ут** ситораҳо хомӯш шуда истодаанд 2. *перен.* кам шудан, барҳам хурдан, кунд шудан; **его ум** ~**ет** зеҳнаш кунд шуда истодааст

гастри́т *м мед.* гастрит *(дарди меъда, илтиҳоби меъда)*

гастри́ческий, -ая, -ое *мед.* гастрити, ...и гастрит

гастролёр *м* 1. артисти сайёр 2. *перен. ирон.* ломакон, бебун, ҳардамхаёл

гастролёрство *с* 1. дар сафар ҳунарнамоӣ кардан(и) 2. *перен. ирон.* ҳардамхаёлӣ

гастролёрша *женск. к* **гастролёр**

гастро́ли *мн.* (*ед.* **гастроль** *ж)* ҳунарнамоӣ дар сафар, сафари ҳунарӣ; **объя́влены** ~ **знамени́того певца** дар сафар ҳунарнамоӣ кардани ҳофизи машҳур эълон шудааст

гастроли́рование *с* (*по знач. гл.* **гастроли́ровать**) сафари ҳунарӣ

гастроли́ровать *несов.* сафари ҳунарӣ кардан

гастро́льн||ый, -ая, -ое ...и сафари ҳунарӣ; ~**ая поéздка** сафари ҳунарӣ

гастроно́м *м* 1. *(человек)* хушхӯрак, зуккахӯр 2. *(магазин)* гастроном

гастрономи́ческий, -ая, -ое ...и гастрономия

гастроно́мия *ж* 1. зуккахӯрӣ 2. *собир.* хурданиҳо

гати́ть *несов. что* чӯбфарш кардан

гати́ться *несов. страд.* чӯбфарш карда шудан

гать *ж* чубфарш; фарши чӯб *(чӯбу шохҳое, ки дар ботлоқ барои гузаргоҳ сохтан партофта шудаанд)*

га́убица *ж* гаубица *(тупи вазнини кӯтоҳмил)*

га́убичн||ый, -ая, -ое ...и гаубица; ~**ая батаре́я** батареяи гаубицаҳо

гауптва́хт||а *ж* 1. гауптвахта *(ҳабсхонаи ҳарбиҳо)*; **посади́ть на** ~**у** дар гауптвахта ҳабс кардан; **сиде́ть на** ~**е** дар гауптвахта маҳбус будан 2. *уст.* қаравулхона

гауптва́хтенный, -ая, -ое ...и гауптвахта

га́усс *м физ.* гаусс *(воҳиди мутлақи индукцияи магнитӣ)*

га́фний *м хим.* гафний *(элементи химиявӣ, металл)*

гаше́ние *с (по знач. гл.* **гаси́ть**) хомуш кардан(и), куштан(и); аз эътибор соқит кардан(и); ~ **огня́** хомуш кардани оташ ◇ ~ **и́звести** куштани (шукуфондани) оҳак

гашён||ый -ая, -ое: ~**ая и́звесть** оҳаки шукуфта (кушта)

гашётк||а *ж* камонаки милтиқ; **нажа́ть** ~**у** камонаки милтиқро зер кардан

гаши́ш *м* ҳашиш, банг

гвалт *м разг.* чанҷол, маҒал, ғавғо; **подня́ть** ~ ғавғо бардоштан

гварде́ец *м* гвардиячӣ

гварде́йск||ий, -ая, -ое гвардиягӣ,...и гвардия; ~**ое зна́мя** байрақи гвардия; ~**ий полк** полки гвардия ◇ ~**ий миномёт** миномёти гвардиягӣ *(миномёти бемили реактивӣ)*

гва́рди||я *ж прям., перен.* гвардия; ~**и капита́н** капитани гвардия; ~**и серже́нт** сержанти гвардия; **молода́я** ~**я** гвардияи ҷавон; **ста́рая** ~**я** гвардияи кӯҳна ◇ **Кра́сная** ~**я** *ист.* Гвардияи Сурх; **Бе́лая** ~**я** *ист.* Гвардияи Сафед

гве́льфы *мн.* (*ед.* **гвельф** *м) ист.* гвельфҳо *(аъзоёни партияи сиёсии Италияи асрҳои 12—15)*

гвозда́рь *м* мехсоз, мехгар

гвоздик *м уменьш. к* **гвоздь 1**

гвозди́к||а I *ж бот.* гули мехак; **сорва́ть** ~**у** гули мехакро кандан

гвоздика II *ж собир. (пряность)* қаланфури гардан, қаранфул

гвозди́ть *несов. кого-что и без доп. прост.* задан, куфтан, мех (мехкуб) кардан

гвоздичный I, -ая, -ое 1. ... и гули мехак; ~ **за́пах** бӯи гули мехак 2. *в знач. сущ.* **гвозди́чные** *мн. бот.* мехакҳо *(номи як оилаи растаниҳои дупаллагӣ)*

гвозди́чн||ый II, -ая, -ое ...и қаланфури гардан; ~**ое де́рево** дарахти қаранфул; ~**ое ма́сло** равғани қаранфул

гвоздодёр *м тех.* мехкашак

гвозд||ь *м* 1. мех; **вбить** ~**ь** мех задан 2. *перен. разг.* гули сари сабад; қаймоқ; ~**ь програ́ммы** қаймоқи программа ◇ **и никаки́х** ~**е́й!** *прост.* тамом — вассалом!; ~**ём сиди́т (засе́ла) в голове́** дар майна мехкуб аст; ба мия мехкуб шудагӣ барин

гвоздян||о́й, -а́я, -о́е *прост. и обл.* ... и мех; ~**а́я шля́пка** сари мех

где *нареч.* 1. *вопр.* дар куҷо, куҷо; ~ **он живёт?** ӯ куҷо зиндагӣ мекунад? 2. *(в этом, в том месте)* дар ин ҷо, дар он ҷо; **так вот** ~ **он**и́! ана онҳо дар ин ҷо будаанд! 3. *неопр. разг. (где-нибудь, где-либо)* дар ягон ҷо, дар ҷое 4. *относ. в знач. союзн. сл.* **ки**; **дом,** ~ **я живу́** ҳавлие, ки ман истиқомат дорам; 5. *в знач. частицы (для выражения сомнения)* куҷо; ~ [**уж**] **ему́, ста́рому, за молоды́ми поспе́ть!** ба ин одами пир бо ҷавонон баробар шудан куҷо! ◇ ~·~ *уст. разг.* 1) *(кое-где; иногда)* ҷо-ҷо, ҳар ҷо-ҳар ҷо; баъзан; ~·~ **сверкнёт огонёк** ҳар ҷо-ҳар ҷо чароғак барқ мезанад 2) *с отриц.* «не» *(всюду, везде)* дар ҳама ҷо; **уж** ~·~ **он не́ был, весь мир изъе́здил** ҷои надидагиаш намондааст; **где́ бы то ни́ было** дар ҳар ҷое, ки бошад

где́-либо *нареч.* дар ягон ҷо, дар ҷое; **е́сли ты его́** ~ **уви́дишь, дай мне знать** агар ту уро дар ягон ҷо бинӣ, ба ман хабар деҳ

где́-нибудь *нареч.* дар ягон ҷо, куҷое, ки бошад

где́-то *нареч.* дар куҷое, дар ҷое, дар ким-куҷо; ~ **защёлкал солове́й** дар ким-куҷо булбул ба чаҳ-чаҳ даромад

гебраи́стика *ж лингв.* ибришиносӣ

гегемо́н *м* гегемон, ҳукмрон

гегемо́ния *ж* гегемония; ~ **пролетариа́та** гегемонияи пролетариат

гедони́зм *м филос.* гедонизм, айёшӣ, ишратпарастӣ *(равияи идеалистӣ дар илми ахлоқ, ки кайфу сафо ва айшу ишратро мақсади олии ҳаёт медонад)*

гее́нна *ж рел.* ҷаҳим, сақар; ҷаҳаннам; ~ **о́гненная** нори ҷаҳим

гей *межд. разг.* ҳой, ой, ӯй, эй, гӯш кун

ге́йзер *м геол.* гейзер *(фаввораи бухору оби ҷушони зеризаминӣ)*

ге́йша *ж* гейша *(раққоса ва мутриба дар базмхонаҳои Япония)*

гекато́мба *ж* 1. *ист. (жертвоприношение)* назру ниёз 2. *перен.* қатли ом

гекза́метр *м лит.* гекзаметр *(шеъри ҳар мисрааш шашрукна дар адабиёти қадими Юнону Рим ва тақлиди ин шеър дар асрҳои сонӣ)*

гекса- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «шаш»*: **гексаэдр** гексаэдр, шашқирра

гексахо́рд *м муз. (шестиступенный звукоряд)* гексахорд *(қатори шашдараҷагии савт)*

гекса́эдр *м мат.* гексаэдр, шашқирра

гекта́р *м* гектар

гекто- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сад», «сад бор»*: **гектоли́тр** гектолитр

гекто́граф *м* гектограф *(асбоби оддии чоп барои зиёд кардани нусхаи матн ва расмҳо)*

гектоли́тр *м* гектолитр

гектоме́тр *м* гектометр

ге́лиевый, -ая, -ое *хим.* ...и гелий

ге́лий *м хим.* гелий *(элементи химиявӣ, газ)*

гелико́н *м муз.* геликон, карнай

гелико́птер *м уст. см.* **вертолёт**

гелио- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *офтобӣ, мансуб ба офтоб* — **гелиоско́п** гелиоскоп; **гелиофи́зика** гелиофизика 2) *ба воситаи шуоъҳои офтоб*

амал мекардагӣ — **гелиотерапия** гелиотерапия; **гелиоустановка** гелиодастгоҳ

гелиограф *м* гелиограф (1. *астр. телескопи астрономӣ барои гирифтани сурати Офтоб* 2. *метео асбоб барои ба таври автоматӣ навиштани давомати нурафкании Офтоб*)

гелиография *ж астр.* гелиография (*як соҳаи астрономия, ки Офтобро тадқиқ мекунад*)

гелиометр *м астр.* гелиометр (*асбоби оптики барои андоза кардани диаметрҳои ба назар намоёни ҷирмҳои осмонӣ ва инчунин зовияҳои майдаи байни онҳо*)

гелиоскоп *м астр.* гелиоскоп (*телескоп барои дида тадқиқ кардани сатҳи Офтоб*)

гелиостат *м астр.* гелиостат (*асбоби оптики барои акс кунондани шуоъҳои Офтоб ба ягон самт*)

гелиотерапия *ж мед.* гелиотерапия (*муолиҷа ба воситаи шуоъҳои Офтоб*)

гелиотехник *м* гелиотехник

гелиотехника *ж* гелиотехника (*техникаи истифодаи энергияи Офтоб*)

гелиотроп *м* 1. *бот.* тараншул, чойчуба 2. *мин.* яшми чинӣ (*минерали сабзранг, ки доначаҳои сурх дорад*) 3. гелиотроп (*асбобе, ки шуоъҳои Офтобро ба воситаи оина ба нуқтаи даркорӣ равона мекунад*)

гелиоустановка *ж* гелиодастгоҳ

гелиофизика *ж* гелиофизика (*як соҳаи астрофизика*)

гелиофильн||ый, -ая, -ое офтобдуст; ~**ые растения** растаниҳои офтобдуст

гелиофобн||ый, -ая, -ое соядуст, сояпараст; ~**ые растения** растаниҳои соядуст

гелиоцентризм *м см.* **гелиоцентрический (гелиоцентрическая система мира)**

гелиоцентрическ||ий, -ая, -ое: ~**ая система мира** *астр.* системаи гелиоцентрии олам (*назарияе, ки Офтобро маркази ҳаракати сайёраҳо мешуморад*)

гельминтолог *м мед.* гельминтолог, мутахассиси соҳаи гельминтология

гельминтологический, -ая, -ое гельминтологи, ...и гельминтология

гельминтология *ж мед.* гельминтология (*илм дар бораи гельминтҳо ва касалиҳои аз онҳо пайдошаванда*)

гельминты *мн.* (*ед.* **гельминт** *м*) гельминтҳо (*гиҷҷаҳо, ки сабаби касалиҳои одам, ҳайвонот ва наботот мешаванд*)

гематит *м мин.* гематит (*як хел маъдан*)

гематология *ж меж.* гематология, хуншиносӣ

гематома *ж мед.* гематома, мошаро

гемма *ж иск.* накрасанг (*санги қиматбаҳое, ки дар вай хат ё суратҳо канда шуда бошанд*)

гемо= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «хун»*: **гемоглобин** гемоглобин; **гемофилия** гемофилия

гемоглобин *м физиол.* гемоглобин

геморрагия *ж мед. см.* **кровотечение**

геморрой *м мед.* бавосир

гемотерапия *ж мед.* гемотерапия (*табобат ба воситаи аз як одам ба одами дигар хунгузаронӣ*)

ген *м биол.* ген (*омили таъмини ирсият*)

генеалогический, -ая, -ое насабӣ, ...и насаб; ~**ое дерево** шаҷара

генеалогия *ж* 1. (*родословная*) насаб, шаҷара 2. *ист.* генеалогия, насабшиносӣ

генезис *м* генезис, пайдоиш

генерал *м* генерал; ~ **армии** генерали армия; ~ **от инфантерии** *уст.* генерали қушуни пиёда

генерал-адъютант *м уст.* генерал-адъютант (*генерале, ки дар ҳузури подшоҳ вазифаи адъютантиро адо мекард*)

генерал-аншеф *м уст.* генерал-аншеф (*дар замони Пётри Якум — сарфармондеҳ*)

генерал-аудитор *м уст.* генерал-аудитор (*сардори суди олии ҳарбӣ*)

генерал-губернатор *м* генерал-губернатор (*дар Россияи пеш аз революция ва дар баъзе мамлакатҳо сардори як ё якчанд губерния*)

генерал-губернаторский, -ая, -ое генерал-губернаторӣ, ...и генерал-губернатор

генерал-губернаторство *с уст.* генерал-губернаторӣ (*дар Россияи пеш аз революция — воҳиди маъмурӣ-территориявӣ*)

генерал-директор *м ж.-д.* генерал-директор; ~ **движения** генерал-директори роҳи оҳан

генералиссимус *м* генералиссимус (*олитарин унвони ҳарбӣ ва шахси дорандаи ҳамин унвон*)

генералитет *м* генералитет (*ҳайати фармондеҳони олии армия*)

генерал-лейтенант *м* генерал-лейтенант (*унвони дуюми генералӣ*)

генерал-майор *м* генерал-майор (*унвони якуми генералӣ*)

генерал-полковник *м* генерал-полковник (*унвони сеюми генералӣ*)

генеральн||ый, -ая, -ое 1. генералӣ, олӣ, асосӣ, марказӣ; ~**ая линия партии** роҳи генералии партия; ~**ый прокурор** прокурори генералӣ 2. умумӣ, куллӣ, калон; ~**ое сражение** ҳарбу зарби калон ◇ **Генеральная Ассамблея Организации Объединённых Наций** Ассамблеяи Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид; ~**ая карта** *геогр.* харитаи умумӣ; ~**ая репетиция** репетицияи охирин; ~**ый штаб** *воен.* штаби генералӣ

генеральск||ий, -ая, -ое ...и генерал, генералӣ; ~**ое звание** унвони генералӣ

генеральство *с* генералӣ (*унвон, рутбаи генерал*)

генеральствовать *несов. прост.* генерал будан; генералӣ кардан, генералвор рафтор кардан

генеральша *ж разг.* зани генерал

генеративн||ый, -ая, -ое *биол.* генеративӣ, ҷинсӣ; ~**ые клетки** ҳуҷайраҳои ҷинсӣ

генератор *м тех.* генератор (1. *мошине, ки қувваи механикиро ба қувваи электрикӣ мегардонад* 2. *прибор — номи ҳар хел асбобҳо барои ба вуҷуд овардани чизе* 3. *см.* **газогенератор**)

генерация *ж* 1. насл, авлод, пушт, генерация 2. генерация, тавлид, пайдоиш, истеҳсол; ~ **электрической энергии** истеҳсоли қувваи электрик

генерировать *сов., несов. что* ҳосил кардан, пайдо кунондан

генетик *м* генетик, мутахассиси соҳаи генетика

генетика *ж* генетика (*соҳаи биология, ки ирсият ва тағьири организмҳоро меомӯзад*)

генетически *нареч.* аз ҷиҳати генезис

генетическ||ий, -ая, -ое 1. ...и генезис, генетикӣ; ~**ая классификация почв** аз ҷиҳати генезис ба хелҳо ҷудо кардани хок; ~**ий метод** усули генетики 2. *биол.* ...и генетика; ~**ие проблемы** масъалаҳои генетика; ~**ий код** коди генетики

гениально *нареч.* доҳиёна

гениальность *ж* доҳиёна (гениалӣ) будан(и), нубуғ; ~ **произведения** гениалӣ будани асар

гениальный, -ая, -ое (гениа|лен, -льна, -льно) 1. гениалӣ; ~ **композитор** бастакори гениалӣ; ~ **учёный** олими гениалӣ 2. доҳиёна, гениалӣ

гений *м* 1. даҳо, нубуғ; ~ **Льва Толстого** даҳои Лев Толстой 2. (*о человеке*) доҳӣ, нобиға; ~ **революции** доҳии революция 3. таҷассум, муҷассама, тимсол ◇ **добрый** ~ *чей* тимсоли некӣ, валинеъмат; **злой** ~ *чей* тимсоли бадӣ, деви шар(р)

генитив *м грам.* генитив

генный, -ая, -ое *биол.* ...и генӣ; ~**ая инженерия** инженерияи генӣ

геноцид *м* геноцид (*қатли ом бо баҳонаҳои нажодӣ, миллӣ ва динӣ*)

генштаб *м* штаби генералӣ, штаби олӣ

гео= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «замин»*: **геоморфология** геоморфология

геоботаник *м* геоботаник, мутахассиси геоботаника

геоботаника *ж* геоботаника (*як соҳаи ботаника аст, ки дар рӯи Замин ҷойгир ва тақсим шудани набототро меомӯзад*)

геоботаническ||ий, -ая, -ое геоботаники, ...и геоботаника; ~**ая карта** харитаи геоботаникӣ

географ *м* географ, мутахассиси география; *прост.* муаллими география

географическ||ий, -ая, -ое географӣ, ...и география, ҷуғрофӣ; ~**ая карта** харитаи географӣ; ~**ие открытия** кашфиёти географӣ; ~**ое положение страны** вазъияти географии мамлакат; ~**ая среда** муҳити географӣ

географи||я *ж* география, ҷуғрофия; **физическая** ~**я** географияи табиӣ; **экономическая** ~**я** географияи иқтисодӣ; **социальная** ~**я** географияи иҷтимоӣ; **учить** ~**ю** географияро омӯхтан; ~**я животных** географияи ҳайвонот; ~**я**

почв географияи хокҳо; ~я растéний географияи наботот; учéбник ~и китоби дарсии география ◇ истóрия с ~ей *шутл.* ана халос, ана кору мана кор

геодезист *м* геодезист, мутахассиси геодезия

геодезическ||ий, -ая, -ое геодезӣ, ...и геодезия; ~ие прибóры асбобҳои геодезия

геодéзия *ж* геодезия (*илмест, ки шакл ва андозаҳои Заминро меомӯзад ва бо андоза кардани масоҳа ва майдонҳои сатҳи Замин машғул мешавад*)

геóлог *м* геолог, мутахассиси геология

геологическ||ий, -ая, -ое геологи, ...и геология; ~ая кáрта харитаи геологи; ~ая развéдка иктишофи геологи; ~ая съёмка нақшагирии геологи; ~ая эпóха давраи геологӣ

геолóгия *ж* геология (*илмест дар бораи сохт, таркиб ва таърихи қабати болои Замин ва тарзҳои ҷустуҷӯи маъдан*)

геологоразвéдка *ж* иктишофи геологӣ

геологоразвéдочный, -ая, -ое ...и иктишофи геологӣ

геомагнетизм *м* геомагнетизм (*хусусиятҳои магнитии кураи Замин*)

геóметр *м* геометр, мутахассиси геометрия, муҳандис

геометрическ||ий, -ая, -ое ...и геометрия, геометрӣ, ...и ҳандаса, ҳандасӣ; ~ая задáча масъалаи геометрӣ; ~ий орнáмент нақши ҳандасӣ

геомéтрия *ж* геометрия, ҳандаса; аналитическая ~ геометрияи таҳлилӣ; начертáтельная ~ геометрияи тасвирӣ

геоморфолог *м* геоморфолог, мутахассиси геоморфология

геоморфологический, -ая, -ое геоморфологи, ...и геоморфология

геоморфолóгия *ж* геоморфология (*як соҳаи географияи табиӣ, ки сохти сатҳи Замин ва таърихи инкишофи онро тадқиқ мекунад*)

геóргиевский, -ая, -ое: ~ кавалер *уст.* дорандаи салиби Георгий; ~ крест *уст.* салиби Георгий (*ордени ҳарбӣ дар армияи пеш аз революционии рус*)

георгин *м*, **георгина** *ж бот.* картошкагул, гули кавкаб

геотектóника *ж геол.* геотектоника (*як соҳаи геология, ки сохти қишри Замин, қонунҳои ҳаракат ва тағйироти онро меомӯзад*)

геотектонический, -ая, -ое *геол.* геотектоники, ...и геотектоника

геотермáльн||ый, -ая, -ое: ~ые воды *геофиз.* обҳои гарми зеризаминӣ

геотéрмика *ж геофиз.* геотермика (*фанни оид ба ҳарорати дохили кураи Замин ва дар қишри Замин тақсим шудани он*)

геотермический, -ая, -ое ...и геотермика, геотермикӣ

геотермия *ж см.* геотéрмика

геофизик *м* геофизик, мутахассиси геофизика

геофизика *ж* геофизика

геофизическ||ий, -ая, -ое ...и геофизика, геофизикӣ; ~ие мéтоды развéдки усулҳои геофизикии иктишоф; ~ая обсерватóрия расадхонаи геофизикӣ

геохимик *м* геохимик, мутахассиси геохимия

геохимическ||ий, -ая, -ое ...и геохимия, геохимикӣ; ~ие исслéдования тадқиқоти геохимикӣ

геохимия *ж* геохимия (*илмест дар бораи таркиби химиявии Замин ва қонунҳои дар қишри Замин ҷойгиршавӣ, тақсим ва пайвастшавии элементҳои химиявӣ*)

геохронолóгия *ж* геохронология (*усули муайян кардани санаҳои таърихи Замин*)

геоцентризм *м см.* геоцентрический (геоцентрическая систéма мира)

геоцентрическ||ий, -ая, -ое: геоцентрӣ; ~ая систéма мира *астр.* системаи геоцентрии олам (*ақидаи олимони давраҳои қадим ва асрҳои миёна, ки мувофиқи он гӯё Замин маркази беҳаракати олам буда, ҷирмҳои осмонӣ дар атрофи он ҳаракат мекардаанд*)

гепáрд *м зоол.* юз

гепатит *м мед.* гепатит, қубод, зотулкабид

гепта: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҳафт»:* **гептаэдр** гептаэдр, ҳафтқирра

гептагóн *м* гептагон, ҳафткунҷа

гептáметр *м лит.* гептаметр (*шеъри ҳафтрукна*)

гептáэдр *м* гептаэдр, ҳафтқирра

герáльдика *ж* геральдика, гербшиносӣ, тамғашиносӣ

геральдический, -ая, -ое ...и геральдика, ...и гербшиносӣ, ...и тамғашиносӣ

гераниев||ый, -ая, -ое *бот.* 1. ...и анҷибар, ...и гули шамъдонӣ; ~ое мáсло равғани анҷибар 2. *в знач. сущ.* герáниевые *мн.* анҷибарҳо

герáнь *ж бот.* анҷибар, гули шамъдонӣ

герб *м* герб, нишон, тамға; Государственный ~ СССР Герби Давлатии СССР

гербаризация *ж* (*по знач. гл.* гербаризировать) гербариякунӣ

гербаризировать *несов. что и без доп.* гербария кардан

гербáрий *м бот.* гербарий (*маҷмуи растаниҳои хушк кардашуда*)

гербициды *мн.* (*ед.* **гербицид** *м*) *хим.* гербицидҳо (*воситаҳои химиявии дафъи алафҳои бегона*)

гербовéдение *с см.* герáльдика

гербовник *м* гербнома

гéрбов||ый, -ая, -ое ...и герб, гербӣ, гербдор, тамғадор; ~ая печáть муҳри гербдор ◇ ~ая бумáга коғази тамғадор; ~ая мáрка маркаи тамғадор; ~ый сбор муҳрпулӣ

гериатрия *ж мед.* гериатрия (*табобати пирӣ*)

геркулéс *м* 1. (*силач*) геркулес, паҳлавон (*аз номи қаҳрамони афсонавии Юнони Қадим — Геракл*) 2. (*крупа*) геркулес (*ярмаи ҷав*) 3. *зоол.* говгамбуск (*гамбуски калон дар Америкаи Ҷанубӣ ва Маркази*)

геркулéсовск||ий, -ая, -ое ...и геркулес, ...и паҳлавон; человéк ~ого сложéния одами паҳлавонҷусса

геркулéсов||ый, -ая, -ое 1. ...и геркулес, ...и паҳлавон 2. геркулесӣ; ~ая кáша шавлаи геркулесӣ ◇ ~ы столбы (столпы) (*предел, граница чего-л.*) ақсо, ақсои олам; дойти до ~ых столбóв (столпóв) ба ақсои олам расидан

гермáнец *м уст.* германӣ, германиягӣ, немис

гермáний *м хим.* германий (*элементи химиявӣ, металл*)

германистика *ж лингв.* германистика (*маҷмуи илмҳои оид ба забон ва адабиёти халқҳои германӣ*)

германск||ий, -ая, -ое 1. германӣ, ...и халқҳои германӣ; ~ие племенá қабилаҳои германӣ; ~ие языки забонҳои германӣ 2. (*немецкий*) немисӣ, ...и немис, ...и Германия

гермáнцы *мн.* 1. *ист.* германиҳо (*қабилаҳои қадим, ки дар Европаи марказӣ, ғарбӣ ва ҷанубу ғарбӣ зиндагӣ мекарданд*) 2. *уст.* (*немцы*) германиҳо, немисҳо

гермафродит *м* хунсо

гермафродитизм *м* хунсоӣ

гермафродитный, -ая, -ое хунсоӣ, ...и хунсо

герметизáция *ж тех.* герметизация, ҳавоногузар кардан(и)

герметизировать *сов., несов. что тех.* герметики кардан, ҳавоногузар кардан

герметически *нареч.* маҳкам баста (пушида); ~ закрытый маҳкам басташуда

герметический, -ая, -ое герметики, ҳавоногузар; ~ сосýд зарфи ҳавоногузар

герметичность *ж* герметики будан(и), ҳавоногузар будан(и)

герметичный, -ая, -ое (герметич|ен, -на, -но) *см.* герметический

героизировать *несов. кого-что* ба сифати қаҳрамон нишон додан, қаҳрамонсифат тасвир кардан

героизм *м* қаҳрамонӣ; проявить ~ қаҳрамонӣ нишон додан

герóика *ж* қаҳрамонӣ, қаҳрамонруҳӣ, руҳияи қаҳрамонӣ; ~ трудá руҳияи меҳнати қаҳрамонона

героин *м* героин (*як навъ банги баланд*).

героиня *ж* қаҳрамонзан, қаҳрамондухтар ◇ мать-~ қаҳрамонмодар

героически *нареч.* қаҳрамонона, баҳодурона; ~ сражáться қаҳрамонона ҷангидан

героическ||ий, -ая, -ое қаҳрамонона, қаҳрамони, ...и қаҳрамон; ~ая борьбá муборизаи қаҳрамонона; ~ий пóдвиг корнамоии қаҳрамонона; ~ое врéмя замони қаҳрамонӣ; ~ие усилия ҷидду ҷаҳди қаҳрамонона; ~ая поэ́ма *лит.* достони қаҳрамонӣ; ~ий эпос *лит.* эпоси қаҳрамонӣ

герóй *м* 1. қаҳрамон; нарóдный ~ қаҳрамони халқи; ~ нáшего врéмени

қаҳрамони даврони мо 2. *перен.* намунаи ибрат; ~ **моей юности** намунаи ибрати айёми ҷавонии ман 3. *лит.* қаҳрамон; ~ **худо́жественного произведе́ния** қаҳрамони асари бадеӣ ◇ **Геро́й Сове́тского Сою́за** Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ; **Геро́й Социалисти́ческого Труда́** Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ; **го́род-**~ шаҳри қаҳрамон

геро́йски *нареч. см.* **геро́ически; вести́ себя́** ~ қаҳрамонона рафтор кардан

геро́йский, -ая, -ое *см.* **геро́ический** I

геро́йство *с* қаҳрамонӣ, кори қаҳрамонона; **прояви́ть** ~ қаҳрамонӣ нишон додан

геро́йствовать *несов. разг.* қаҳрамонӣ кардан (нишон додан)

геро́льд *м ист.* 1. *(вестник, глашатай)* қосид, мунодӣ 2. *(распорядитель)* омил *(дар мусобиқаҳои паҳлавонон ва дар идҳо)*

геро́нт *м ист.* геронт *(аъзои шӯрои оқсақолҳо дар Юнони Қадим)*

геронтоло́гия *ж мед.* геронтология *(илм дар бораи пиршавӣ ва дароз кардани умр)*

герпетологи́ческий, -ая, -ое *зоол.* герпетологӣ, ...и герпетология

герпетоло́гия *ж зоол.* герпетология *(соҳаи зоология, ки ҷонварони хазандаро меомӯзад)*

геру́ндий *м лингв.* герундий

герц *м физ.* герц *(воҳиди ченкунии басомади ларзиш)*

ге́рцог *м* герцог *(унвони дворянҳои олимартаба ё князьҳои мулкдори Европаи Ғарбӣ)*

герцоги́ня *ж* герцогзан, зани (духтари) герцог

ге́рцогский, -ая, -ое ...и герцог, герцогӣ; ~ **ти́тул** унвони герцогӣ, унвони герцог

ге́рцогство *с* 1. герцогӣ, мулки герцог 2. унвони герцог

ге́ссенск||ий, -ая, -ое: ~**ая му́ха** ғаламус

геста́по *с нескл.* гестапо *(политсияи махфии давлати дар Германияи фашистӣ)*

геста́повец *м* маъмури гестапо *(фашисте, ки дар хизмати гестапо буд)*

геста́повский, -ая, -ое ...и гестапо

гете́ра *ж* 1. *ист.* гетера *(дар Юнони Қадим — зани соҳибмаълумоти бешавҳар)* 2. *книжн.* зани сабукпо

гетеро: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дигар», «дигаргун» ва «гуногун»:* **гетероморфи́зм** гетероморфизм, гуногуншаклӣ

гетероге́нный, -ая, -ое гетерогенӣ, гуногуназот, гуногунтаркиб, гуногунҷинс

гетероди́н *м радио* гетеродин *(генератори лампагии камқувват)*

гетероморфи́зм *м биол.* гетероморфизм, гуногуншаклӣ

ге́тман *м ист.* гетман (1. *дар асрҳои 16—17 дар Украина сардори интихобшавандаи қӯшуни казакҳо; дар асрҳои 17—18 ҳокими Украина* 2. *дар асрҳҳои 16—18 сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи давлати Польшаю Литва)*

гетма́нский, -ая, -ое *ист.* гетманӣ, ...и гетман

ге́тманство *с ист.* 1. гетманӣ, ҳокимияти гетман 2. унвони гетман

ге́тманщина *ж ист.* гетманчигӣ (1. *даврае, ки дар Украина гетманҳо буданд — асрҳои 16—18* 2. *диктатураи ҳарбии контрреволютсионӣ, ки генерал Скоропадский дар Украина соли 1918 барқарор карда буд)*

гетры *мн.* (*ед.* **ге́тра** *ж*) гетра, соқпуш *(пойпуши гарм, ки аз болои пойафзол мепушанд — аз буҷулаки пой то зону)*

ге́тто *с нескл.* маҳалла, гузар, қасаба; **евре́йское** ~ маҳаллаи яҳудиён; **негритя́нское** ~ қасабаи зангиҳо

геше́фт *м уст. прост.* ҳаннотӣ

гиаци́нт *м* 1. *бот.* сунбул 2. *мин.* ёқути зард *(сангҳи қиматбаҳои сурх, норанҷӣ ё зардранг)*

гиаци́нтов||ый, -ая, -ое *бот., мин.* ...и сунбул; ...и гиацинт; ~**ая лукови́ца** пиёзи сунбул

гибб́он *м зоол.* гиббон *(маймуни одамшакл)*

ги́бель *ж* 1. ҳалокат, нобудшавӣ, талаф, маҳв; ~ **самолёта** ҳалокати самолёт 2. фавт, марг; ~ **врага́** марги душман 3. *перен.* аз даст рафтан(и), бар бод рафтан(и); ~ **репута́ции** рехтани обру 4. *в знач. нареч. разг.* ниҳоят бисьёр, анбух; **этим ле́том в лесу́ грибо́в** ~ ин тобистон дар беша занбуруғ ниҳоят бисьёр аст ◇ **быть (находи́ться) на краю́ ги́бели** дар дами ҳалокат будан

ги́бельно *нареч.* ҳалокатбор; **переме́на кли́мата** ~ **отрази́лась на его́ здоро́вье** табдили обу ҳаво ба саломатии у таъсири ҳалокатбор кард

ги́бельность *ж* ҳалокатбор будан(и)

ги́бельн||ый, -ая, -ое (ги́бе|лен, -льна, -льно) ҳалокатбор; ~**ое влия́ние на здоро́вье** таъсири ҳалокатбор ба саломатӣ, ~**ые после́дствия** оқибати ҳалокатбор

ги́бка *ж тех.* қат (қаҷ) кардан(и)

ги́бк||ий, -ая, -ое (ги́б|ок, -ка, -ко) 1. чандир, қаиш, печон; ~**ая ве́тка** шохаи чандир; ~**ий стан** қомати мавзун; ~**ие па́льцы** ангуштони печон 2. *перен.* хушоҳанг, фасеҳ; ~**ий язы́к стиха́** забони фасеҳи шеър 3. *перен.* уҳдабаро(ёна); гиро, тез; ~**ое руково́дство** роҳбарии уҳдабароёна; ~**ий ум** ақли гиро

ги́бко *нареч.* 1. чандир, қаиш, печон 2. *перен.* уҳдабароёна; ~ **руководи́ть** уҳдабароёна роҳбарӣ кардан

ги́бкость *ж* 1. чандирӣ, қаишӣ, печонӣ; ~ **пружи́ны** қаишии фанар 2. *перен.* хушоҳангӣ, фасеҳӣ 3. *перен.* уҳдабароӣ, чобукӣ; тезӣ; ~ **ума́** гиро будани ақл

ги́бл||ый, -ая, -ое *прост.* фалокатбор, ҳалокатбор, пуртаҳлука; ~**ое ме́сто** ҷои пуртаҳлука ◇ ~**ое де́ло** кори намешудагӣ (беҳуда)

ги́бну||ть *несов.* 1. ҳалок (талаф, нобуд, маҳв, хароб, вайрон) шудан 2. мурдан, нобуд шудан; **дере́вья** ~**т от моро́за** дарахтон аз сармо нобуд мешаванд 3. *перен.* бар бод рафтан, барҳам хурдан

гибо́чный, -ая, -ое *тех.* қаткунанда, қаҷкунанда

гибри́д *м биол.* пайванд, дурага; ~ **ви́шни и чере́шни** дурагаи олуболую гелос; **приви́вочные** ~**ы** дурагаҳои пайвандӣ

гибридиза́тор *м* пайвандкунанда, мутахассиси дурагакунӣ

гибридиза́торский, -ая, -ое ...и пайвандкунанда, ...и дурагакунанда

гибридизацио́нн||ый, -ая, -ое ...и пайванд, ...дурагакунӣ; ~**ые экспериме́нты** таҷрибаҳои дурагакунӣ

гибридиза́ция *ж* пайвандкунӣ, дурагакунӣ; **вегетати́вная** ~ пайвандкунии вегетативӣ

гибри́дн||ый, -ая, -ое пайвандӣ, ...и пайванд, ...и дурага; ~**ые расте́ния** растаниҳои дурага

ги́бче *сравн. ст. к* **ги́бкий**

гиг *м см.* **ги́чка**

гига́нт *м* 1. одами (ҳайвони) азимҷусса; **широкопле́чий** ~ одами азимҷуссаи шонапаҳн 2. *перен.* калон, бузург, азим; **пе́рвые индустриа́льные** ~**ы** аввалин иншоотҳои азими индустрия 3. *перен. (о человеке)* бузург; ~ **мы́сли** мутафаккири бузург; ~ **нау́ки** олими бузург, нобиғаи илм

гиганти́зм *м мед.* азимҷуссагӣ *(навъи иллати сабзиш, ки дар натиҷаи он организм аз ҳад зиёд калон шуда меравад)*

гигантоза́вр *м палеонт.* гигантозавр *(ҷонвари ҷуссакалони сусмормонанди давраи мезозой)*

гигантома́ния *ж* азимпарастӣ, азимхоҳӣ, азаматпарастӣ; ~ **в архитекту́ре** азаматпарастӣ дар санъати меъморӣ

гига́нтски *нареч.* азим, ниҳоӣ; ~ **тру́дная зада́ча** вазифаи ниҳоят душвор

гига́нтск||ий, -ая, -ое 1. азим, ниҳоятдараҷа; ~**ий дуб** дарахти булути азим; ~**ого ро́ста** ниҳоятдараҷа қадбаланд; ~**их разме́ров** ниҳоят калон 2. *перен.* ниҳоят зур, ниҳоятдараҷа муҳим, бузург, мушкил; ~**ие зада́чи** вазифаҳои ниҳоятдараҷа мушкил; ~**ие уси́лия** ҷидду ҷаҳди ниҳоятдараҷа зур; ~**ие успе́хи** муваффақиятҳои азим ◇ ~**ие шаги** *спорт.* чархсутун, сутуни чархзанӣ *(як асбоби бозӣ — сутуни болояш ғалақадор, ки ба он танобҳои дароз мебананд ва бозингарон он танобҳоро дошта дар атрофи сутун чарх мезананд)*; **идти́ (дви́гаться)** ~**ими шага́ми** бо қадамҳои азим пеш рафтан

гигие́н||а *ж мед.* гигиена, беҳдошт *(таълимот ва маҷмӯи тадбироти оид ба нигоҳдории тандурустӣ)*; **пра́вила** ~**ы** қоидаҳои беҳдошт; ~**а пита́ния** гигиенаи хурок; ~**а труда́** гигиенаи меҳнат; **шко́льная** ~**а** гигиенаи мактабӣ

гигиени́ст *м* гигиенашинос, мутахассиси гигиена

гигиени́ческ||ий, -ая, -ое гигиенӣ, ...и гигиена; ~**ая гимна́стика** гимнастикаи гигиенӣ

гигиени́чность *ж* гигиенӣ будан(и)

гигиени́чн||ый, -ая, -ое (гигиени́ч|ен, -на, -но) гигиенӣ, ...и гигиена; **~ая одёжда** либоси гигиенӣ

гигро: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «намӣ», «намнокӣ»:* **гигроскопический** гигроскопӣ, намкаш; **гигро́метр** гигрометр, рутубатсанҷ

гигро́граф *м* гигрограф *(асбоби сабти дараҷаи намии нисбии ҳаво)*

гигро́метр *м* гигрометр, рутубатсанҷ

гигроско́п *м* гигроскоп *(асбобе, ки дараҷаи намии ҳаворо нишон медиҳад)*

гигроскопи́ческ||ий, -ая, -ое гигроскопӣ, намкаш; **~ая ва́та** пахтаи намкаш

гигроскопи́чность *ж* гигроскопият, дараҷаи намкашии ягон ҷисм

гигроскопи́чный, -ая, -ое (гигроскопи́ч|ен, -на, -но) *см.* **гигроскопи́ческий**

гигрофи́ты *мн. бот.* гигрофитҳо *(растаниҳои намидӯст)*

гид *м* 1. *(проводник)* роҳнамо, роҳбалад 2. *уст. (путеводитель)* сафарнома

гида́льго *м нескл. см.* **ида́льго**

гиджа́к *м муз.* ғиҷҷак

ги́джра *ж уст. см.* **хи́джра**

ги́дра *ж* 1. *миф.* гидра *(дар асотири Юнони Қадим — номи мори чандсара, ки агар як сарашро буранд, гӯё ба ҷои вай сари нав пайдо мешудааст)* 2. *зоол.* гидра *(навъи махлуқи бемуҳра)* 3. *астр.* бурҷи Шуҷо

гидра́влика *ж* гидравлика *(илмест дар бораи қонунҳои ҷараёни моеот)*

гидравли́ческ||ий, -ая, -ое гидравликӣ, ...и гидравлика; **~ий дви́гатель** муҳаррики гидравликӣ; **~ая турби́на** турбинаи гидравликӣ

гидра́нт *м тех.* гидрант *(колонка ё мили обгири водопровод барои об пошидан ба кӯчаҳо, оташнишонӣ ва ғ.)*

гидра́т *м хим.* гидрат *(маҳсули имтизоҷи моддаи химиявӣ бо об)*

гидри́д *м хим.* гидрид *(таркиби химиявии гидроген бо элементҳои дигар)*

гидри́рование *с см.* **гидрогениза́ция**

гидри́рованный, -ая, -ое 1. *прич.* гидрогенизация кардашуда 2. *прил.* гидрогенизацияшуда; **~ у́голь** ангишти гидрогенизацияшуда

гидро: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «об», «обӣ»:* **гидроу́зел** гидроузел; **гидрохими́ческий** гидрохимикӣ

гидроавиацио́нный, -ая, -ое гидроавиационӣ, ...и гидроавиация

гидроагрега́т *м тех.* гидроагрегат

гидроаку́стика *ж* гидроакустика *(як қисми акустика, ки садоҳои зериобиро меомӯзад)*

гидроакусти́ческий, -ая, -ое ...и гидроакустика, гидроакустикӣ

гидроаэродро́м *м* гидроаэродром *(аэродроми гидросамолётҳо)*

гидробио́лог *м* гидробиолог, мутахассиси гидробиология

гидробиологи́ческ||ий, -ая, -ое ...и гидробиология, гидробиологӣ; **~ая ста́нция** станцияи гидробиологӣ

гидробиоло́гия *ж* гидробиология *(як соҳаи биология, ки ҷонварҳои обиро меомӯзад)*

гидроге́н *м* гидроген, водород

гидрогенера́тор *м эл.* гидрогенератор *(генератори электрикӣ, ки қувваи ҳаракати обро ба қувваи электрик табдил медиҳад)*

гидрогениза́ция *ж* гидрогенизация; **~ у́гля** гидрогенизация кардани ангишт

гидрогео́лог *м* гидрогеолог, мутахассиси гидрогеология

гидрогеологи́ческ||ий, -ая, -ое ...и гидрогеология, гидрогеологи; **~ая ка́рта** харитаи гидрогеологӣ; **~ая съёмка** нақшагирии гидрогеологӣ

гидрогеоло́гия *ж* гидрогеология *(илм дар бораи обҳои зеризаминӣ)*

гидро́граф *м* гидрограф, мутахассиси гидрография

гидрографи́ческ||ий, -ая, -ое ...и гидрография, гидрографӣ; **~ая ка́рта** харитаи гидрографӣ; **~ое су́дно** киштии гидрографӣ

гидрогра́фия *ж* гидрография *(як соҳаи гидрология)*

гидродина́мика *ж* гидродинамика *(як қисми гидромеханика)*

гидродинами́ческ||ий, -ая, -ое гидродинамикӣ, ...и гидродинамика; **~ое давле́ние** фишори гидродинамикӣ; **~ие иссле́дования** тадқиқоти гидродинамикӣ

гидро́идные *мн. зоол.* гидроидҳо, шикамбаданҳо

гидроизоляцио́нный, -ая, -ое ...и гидроизоляция, гидроизоляционӣ

гидроизоля́ция *ж* гидроизоляция *(муҳофизати ашёе ва иншоот аз таъсири об бо ёрии материалҳои обногузар)*

гидрокомбинезо́н *м* гидрокомбинезон, сарулибоси ғаввосӣ

гидрокостю́м *м см.* **гидрокомбинезо́н**

гидро́лог *м* гидролог, мутахассиси гидрология

гидрологи́ческ||ий, -ая, -ое ...и гидрология, гидрологӣ

гидроло́гия *ж.* гидрология *(илмест, ки обҳои кураи Заминро аз нуқтаи назари пайдоиш, таркиби химиявии онҳо ва ғ. меомӯзад)*

гидролока́ция *ж* гидролокация *(муайян кардани мавқеи ҷисмҳои зериоби бо ёрии сигналҳои садоӣ)*

гидромелиора́ция *ж* гидромелиорация

гидрометаллурги́ческ||ий, -ая, -ое ...и гидрометаллургия, гидрометаллургӣ

гидрометаллурги́я *ж* гидрометаллургия

гидрометеорологи́ческ||ий, -ая, -ое ...и гидрометеорология; гидрометеорологи; **~ая слу́жба** умури гидрометеорологи

гидрометеороло́гия *ж* гидрометеорология *(илмест, ки гардиши обро дар атмосфера меомӯзад)*

гидрометеослу́жба *ж* умури гидрометеорологӣ

гидро́метр *м* гидрометр *(асбоби чен кардани ҳаҷми об ва суръати ҳаракати он)*

гидрометри́ческ||ий, -ая, -ое гидрометрӣ, ...и гидрометрия; **~ие прибо́ры** асбобҳои гидрометрӣ; **~ая ста́нция** станцияи гидрометрӣ

гидроме́трия *ж* гидрометрия *(як соҳаи гидрология)*

гидромеханиза́ция *ж* гидромеханизация *(усули заминканӣ ва кӯҳкорӣ ба воситаи мошинҳои лойкашак ё обфишор)*

гидромеха́ника *ж физ.* гидромеханика

гидромехани́ческий, -ая, -ое гидромеханикӣ, ...и гидромеханика

гидромонито́р *м тех.* гидромонитор

гидромонито́рн||ый, -ая, -ое ...и гидромонитор, гидромониторӣ; **~ая устано́вка** дастгоҳи гидромониторӣ

гидро́окись *ж хим.* гидрати оксид

гидропла́н *м см.* **гидросамолёт**

гидропо́ника *ж* гидропоника *(бе хок, дар муҳити сунъӣ рӯёндани растанӣ)*

гидросамолёт *м* гидросамолёт

гидроста́нция *ж* гидростанция

гидроста́тика *ж физ.* гидростатика

гидростати́ческ||ий, -ая, -ое *физ.* ...и гидростатика, гидростатики; **~ое давле́ние** фишори гидростатикӣ

гидросфе́ра *ж* гидросфера *(муҳити обии кураи Замин)*

гидротерапевти́ческий, -ая, -ое *мед.* ...и гидротерапия

гидротерапи́я *ж мед.* гидротерапия, муолиҷа бо об

гидроте́рмальн||ый, -ая, -ое гидротермалӣ, ...и оби гарм; **~ые исто́чники** чашмаҳои гарм, гармчашмаҳо

гидроте́хник *м* гидротехник, мутахассиси гидротехника

гидроте́хника *ж* гидротехника *(соҳаи илм ва техника, ки ба мақсадҳои гуногуни хоҷагии халқ истифода бурдани захираҳои обро меомӯзад)*

гидротехни́ческ||ий, -ая, -ое ...и гидротехника, гидротехникӣ; **~ие сооруже́ния** иншооти гидротехникӣ

гидротурби́на *ж* гидротурбина

гидротурби́нный, -ая, -ое ...и гидротурбина, гидротурбинӣ; **~ цех** цехи гидротурбинаҳо

гидроу́зел *м* гидроузел *(маҷмӯи иншооти гидротехникӣ — каналҳо, дарғотҳо, станцияҳои электрикии обӣ ва ғ.)*; **тра́нспортный ~** гидроузели нақлиёт

гидрофи́ты *мн. бот.* гидрофитҳо *(растаниҳои обдӯст)*

гидрофо́н *м тех., мор.* гидрофон *(асбобест барои қабули мавҷҳои садои дар об паҳншаванда ё пайдошаванда)*

гидрохими́ческий, -ая, -ое ...и гидрохимия, гидрохимикӣ

гидрохи́мия *ж* гидрохимия

гидроэлектри́ческ||ий, -ая, -ое гидроэлектрикӣ; **~ая ста́нция** станцияи электрикии обӣ

гидроэлектроста́нция *ж* станцияи электрикии обӣ

гидроэнерге́тика *ж* гидроэнергетика *(як соҳаи илму техника, ки қувваи обро барои ҳосил кардани қувваи электрик истифода мебарад)*

гидроэнергети́ческ||ий, -ая, -ое гидроэнергетикӣ, ...и энергияи об; **~ие ресу́рсы страны́** захираҳои гидроэнергетикии мамлакат

гие́на *ж зоол.* кафтор

гиеновидн||ый, -ая, -ое кафтормонанд; **~ая собака** саги кафтормонанд
гик *м см.* **гиканье**
гиканье *с (по знач. гл.* **гикать**) ҳаёҳуй кардан(и); *(звуки)* ҳаёҳуй
гика||ть *несов. разг.* ҳаёҳуй кардан; **всадники ~ли и свистали** саворон ҳаёҳуй мекарданд ва ҳуштак мекашиданд
гикнуть *сов. однокр. к* **гикать**
гилозоизм *филос.* гилозоизм *(эътиқоди қадим ба ҷондории тамоми намудҳои материя)*
гиль *ж уст. разг.* ёва, жож, ҳарза, сафсата
гильди||я *ж ист.* гильдия (1. *дар асрҳои миёна дар Европаи Ғарбӣ иттиҳодияи савдогарон ва ҳунармандон* 2. *дар Россияи пешазреволюционӣ яке аз се гуруҳе, ки савдогарон аз руи сармояашон ба он гуруҳҳо тақсим мешуданд*); **купец первой ~и** савдогари гильдияи якум
гильза *ж* 1. гильза *(дар аслиҳаи тирпарронӣ)* 2. найчаи папирос 3. *тех.* гильза *(номи детальҳои гуногуни найшакл)*
гильзовый, -ая, -ое ...и гильза; **~ цех** цехи гильзабарорӣ
гильотина *ж* гильотина *(мошини сарбурӣ, аслиҳаи ҷазои қатл)*
гильотинирование *с (по знач. гл.* **гильотинировать**) сарбурӣ бо гильотина
гильотинировать *сов., несов. кого* бо гильотина сар буридан
гиляки *мн. уст.* гилякҳо; *см.* **нивхи**
гимн *м* 1. гимн; **Государственный ~ Советского Союза** Гимни Давлатии Иттифоқи Советӣ 2. мадҳия, ҳамду сано; **~ труду** ҳамду санои меҳнат; **петь ~ы кому-л. (в честь кого-л.)** касеро мадҳу ситоиш кардан
гимназист *м* гимназист, талабаи гимназия
гимназистка *ж* толибаи гимназия
гимназический, -ая, -ое ...и гимназия; **~ курс** курси гимназия
гимназия *ж* гимназия *(мактаби миёнаи маълумоти умумӣ дар Россияи пешазреволюционӣ ва дар баъзе мамлакатҳои хориҷӣ)*; **женская ~** гимназияи занона; **мужская ~** гимназияи мардона
гимнаст *м* гимнаст, варзишкор
гимнастёрка *ж* гимнастёрка
гимнастик||а *ж* гимнастика; **лечебная ~а** гимнастикаи муоличавӣ; **заниматься ~ой** бо гимнастика машғул шудан
гимнастическ||ий, -ая, -ое ...и гимнастика; гимнастикӣ; **~ие снаряды** асбобҳои гимнастикӣ; **~ие упражнения** машқҳои гимнастикӣ
гимнастка *женск. к* **гимнаст**
гинеколог *м* гинеколог, духтури касалиҳои занона
гинекологическ||ий, -ая, -ое ...и гинекология, гинекологӣ; **~ая операция** амали ҷарроҳии гинекологӣ
гинекология *ж* гинекология
гинея *ж* гинея *(тангаи тиллои қадимаи англисӣ)*

гипер: *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки чизи аз эътидол зиёдро мефаҳмонад:* **гипертония** гипертония *(фишори баланди хун)*
гипербола I *ж лит.* муболиға, иғроқ
гипербола II *ж. мат.* гипербола
гиперболизация *ж* муболиға кардан(и)
гиперболически *нареч.* муболиғавӣ, ба тарзи муболиға
гиперболический I, -ая, -ое *лит.* муболиғаомез, сермуболиға, иғроқомез; **~ стиль** услуби иғроқомез
гиперболический II, -ая, -ое *мат.* ...и гипербола, гиперболӣ
гиперболичность *ж* муболиғаомез будан(и), сермуболиға будан(и); **~ выводов** муболиғаомез будани хулосаҳо
гиперболичный, -ая, -ое (гиперболич|ен, -на, -но) муболиғаомез, сермуболиға
гиперболоид *м мат.* гиперболоид
гиперборейский, -ая, -ое 1. *миф.* ...и гиперборейҳо, гиперборейӣ 2. *уст.* ...и аҳли шимол
гиперборейцы *мн. (ед.* **гипербореец** *м)* 1. *миф.* гиперборейҳо *(ба ривояти юнониҳои қадим қавмҳои афсонавие, ки дар шимоли дур зиндагӣ мекардаанд)* 2. *уст. (северяне)* аҳли шимол, шимолиҳо
гипергликемия *ж мед.* гипергликемия *(зиёд шудани миқдори умумии қанд дар таркиби хун)*
гиперемия *ж мед.* гиперемия *(аз ҳад зиёд бо хун пур шудани рагҳои хунгард ё ягон узви бадан)*
гиперзвук *м физ.* гиперсадо *(лаппишҳои баландбасомади садо)*
гиперсекреция *ж биол.* гиперсекреция *(зиёд шудани миқдори моддаҳое, ки ғадудҳо ҷудо мекунанд)*
гипертоник *м разг.* гипертоник, гирифтори бемории гипертония
гипертоническ||ий, -ая, -ое *мед.* ...и гипертония, гипертонӣ; **~ая болезнь** бемории гипертония
гипертония *ж* 1. *мед.* гипертония *(фишори баланди хун, ғалаёни хун)* 2. *разг. см.* **гипертонический (гипертоническая болезнь)**
гипертрофированн||ый, -ая, -ое *биол., мед.* 1. гипертрофӣ; **~ые мышцы** мушакҳои гипертрофӣ 2. *перен.* аз ҳад зиёд калон
гипертрофия *ж* 1. *биол., мед.* гипертрофия *(аз ҳад зиёд калон шуда рафтани ягон узви бадан, бофта ва ғ)*; **~ сердца** гипертрофияи дил 2. *перен.* аз ҳад зиёд калон шудани чизе
гиперфункция *ж биол. мед.* гиперфункция *(аз ҳад зиёд қувва гирифтани фаъолияти ягон узв)*
гипноз *м* 1. гипноз; **сеанс ~а** сеанси гипноз; **лечить ~ом** ба воситаи гипноз муолиҷа кардан; **находиться под ~ом** дар зери таъсири гипноз будан 2. *перен.* қувваи таъсир
гипнотерапия *ж* гипнотерапия, муолиҷа бо гипноз
гипнотизация *ж см.* **гипнотизирование**
гипнотизёр *м* гипнозкунанда; духтури бо гипноз муолиҷакунанда

гипнотизирование *с (по знач. гл.* **гипнотизировать**) гипноз кардан(и)
гипнотизировать *несов. кого-что* 1. гипноз кардан; **~ больного** беморро гипноз кардан 2. *перен.* тасхир кардан; **~ взглядом** бо нигоҳи худ тасхир кардан
гипнотизироваться *несов. страд.* гипноз карда шудан
гипнотизм *м* 1. гипнотизм *(таълимот дар бораи гипноз)* 2. *уст. см.* **гипноз** 1; 3. *перен.* қобилияти тасхир
гипнотическ||ий, -ая, -ое 1. гипнозӣ, ...и гипноз, ...и гипнотизм; **~ий сон** хоби гипнозӣ; **~ое внушение** талқини гипнозӣ 2. *перен.* тасхиркунанда
гипо: *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки чизи аз эътидол камро мефаҳмонад:* **гипотония** гипотония *(фишори пасти хун)*; **гипотермия** гипотермия *(ҳарорати пасти бадан)*
гиповитаминоз *м мед.* гиповитаминоз *(кам шудани витамин дар организм)*
гипогликемия *ж мед.* гипогликемия *(кам шудани миқдори умумии қанд дар таркиби хун)*
гипотаксис *м грам.* тобеияти ҷумлаҳо
гипотез||а *ж* гипотеза, фарзия, фарз, тахмин; **строить ~ы** фарзия сохтан, фарз (тахмин) кардан
гипотенуза *ж мат.* гипотенуза
гипотермия *ж мед.* гипотермия *(ҳарорати пасти бадан)*
гипотетически *нареч.* фарзан
гипотетическ||ий, -ая, -ое фарзӣ, тахминӣ; **~ое суждение** мулоҳизаи фарзӣ (тахминӣ)
гипотетичность *ж* фарзӣ будан(и); **~ суждения** фарзӣ будани мулоҳиза
гипотетичный, -ая, -ое *см.* **гипотетический**
гипотоническ||ий, -ая, -ое *мед.* ...и гипотония, гипотонӣ; **~ая болезнь** бемории гипотонӣ
гипотония *ж* 1. *мед.* гипотония *(фишори пасти хун)* 2. *разг. см.* **гипотонический (гипотоническая болезнь)**
гипофиз *м анат.* гипофиз *(ғадуди даруни, ки ба инкишофи организм таъсир мекунад)*
гипофункция *ж биол., мед.* гипофункция *(аз ҳад суст кор кардани ягон узв)*
гипоцентр *м физ.* гипоцентр *(марказн манбаи зилзила)*
гиппологический, -ая, -ое *вет.* ...и гиппология, гиппологӣ
гиппология *ж вет.* гиппология *(илмест, ки организми асп ва парвариши онро меомузад)*
гиппопотам *м см.* **бегемот**
гипс *м* 1. *(минерал)* гач; **месторождения ~а** кони гач 2. *(слепок)* нусхаи гачии муҷассама 3. *мед.* гачбанд; **снять ~** гачро гирифтан
гипсование *с (по знач. гл.* **гипсовать**) гачбанд кардан(и); гач бастан(и); гачполой *(софкории шароб бо гулгач)*
гипсовать *несов. что* 1. *мед.* гачбанд кардан 2. *с.-х.* гач бастан 3. бо гач полудан *(шаробро)*

гипсова́ться *несов. страд.* гачбанд карда шудан; гач баста шудан; гачполой карда шудан

ги́псовый, -ая, -ое гачӣ, гулгачӣ; гачбандӣ; ~ **слёпок** нусхаи гачии муҷассама

гипсоме́трия *ж геод.* гипсометрия *(як қисми геодезия, ки бо муайян кардани баландиҳои замин ва дар харита, нақша ва ғ. нишон додани онҳо машғул мешавад)*

гипю́р *м (сорт кружев)* гипюр *(матои тур-тур)*

гипю́ровый, -ая, -ое гипюрӣ, ...и гипюр; ~ **воротничо́к** гиребони гипюрӣ

гиреви́к *м спорт.* сангбардор, align="left"вазнабардор

гирев||о́й, -а́я, -о́е ...и санги тарозу, ...и вазнабардорӣ; ~**ые упражнения** машқҳои вазнабардорӣ

гирля́нда *ж* 1. ҷанбари гул, шилшила, занҷира; **зда́ние с лепны́ми** ~**ми** бинои занҷиранакш 2. *перен.* силсила, шадда, қатор; ~ **разноцве́тных фонаре́й** силсилаи фонусҳои рангоранг

гироко́мпас *м* гирокомпас *(компасе, ки ба ҷои ақрабаки магнитӣ гироскоп дорад)*

гиромагни́тный, -ая, -ое: ~ **ко́мпас** *ав.* компаси гиромагнитӣ

гиросќо́п *м тех.* гироскоп, ғирғирак

гироскопи́ческ||ий, -ая, -ое *тех.* ...и гироскоп, гироскопӣ, ...и ғирғирак; ~**ий компас** *см.* **гироко́мпас**; ~**ие прибо́ры** асбобҳои гироскопӣ

ги́рька *ж уменьш. к* **ги́ря**

ги́ря *ж* 1. санги тарозу 2. *спорт.* санг, вазна 3. лангар; **стенные часы с** ~**ми** соати деворин лангардор

гисса́рск||ий, -ая, -ое ҳисорӣ; ~**ая поро́да ове́ц** гусфанди зоти ҳисорӣ

гистогене́з *м анат.* гистогенез *(ба вуҷуд омадани бофтаи бадан)*

гистоге́нный, -ая, -ое *анат.* ...и гистогенез, гистогенӣ, аз бофта ҳосилшаванда

гисто́лог *м анат.* гистолог, мутахассиси гистология

гистологи́ческий, -ая, -ое *анат.* ...и гистология, гистологӣ

гистоло́гия *ж* гистология *(илм дар бораи бофтаҳои бадани ҳайвонот ва одам)*

гита́на *ж* гитана *(лулизани раққоса дар Испания)*

гита́ра *ж* гитара; **гавайская** ~ гитараи гавайӣ (Гавайя)

гитари́ст *м* гитаранавоз

гитари́стка *женск. к* **гитари́ст**

гита́рн||ый, -ая, -ое ...и гитара; ~**ые стру́ны** торҳои гитара

гитлери́зм *м* гитлеризм *(диктатураи фашистӣ дар Германия дар солҳои* 1933—1945)

ги́тлеровец *м* гитлерчӣ, пайрави Гитлер

ги́тлеровский, -ая, -ое ...и гитлеризм, гитлерӣ

ги́чка *ж мор.* гичка (қаиқчаи борику сабук)

глав= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «калон», «сар»*: **главвра́ч** сардухтур, духтури калон

глав||а́ I *ж*. 1. *уст. (голова)* сар, калла 2. *перен.* қуллаи кух 3. гунбаз; **гла́вы церкве́й** гунбази калисоҳо 4. *м ж* сардор, роҳбар; ~**а́ правительства** сардори ҳукумат; ~**а семьи** сардори оила ◇ **во** ~**е́** *с кем* бо сардории...; **во** ~**е́** *кого-чего́* **быть (стоять, находи́ться)** роҳбарӣ (саркорӣ, сардорӣ) кардан; **ста́вить что-л. во** ~**у́ угла́** чизеро ба мадди аввал гузоштан

глава́ II *ж (раздел книги, статьи и т. п.)* боб, фасл; **гла́вы рома́на** бобҳои роман

глава́рь *м* саркарда

главбу́х *м* сарбухгалтер

главвра́ч сардухтур, духтури калон; ~ **больни́цы** сардухтури касалхона

главе́нство *с* сардорӣ, сарварӣ, раёсат; бартарӣ

главе́нствовать *несов.* сардорӣ (сарварӣ, раёсат) кардан; бартарӣ доштан

главк *м* главк *(органи идоракунӣ дар вазоратҳо, идораҳо ва ғ.)*

главковерх *м ист.* (верхо́вный главнокомандующий) сарфармондеҳи олӣ

главко́м *м* (главнокома́ндующий) сарфармондеҳ

главно= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «калон», «сар»*: **главнокома́ндующий** сарфармондеҳ

главнокома́ндующий *м* сарфармондеҳ; **верхо́вный** ~ сарфармондеҳи олӣ

гла́вн||ый, -ая, -ое 1. асосӣ, муҳим, умда; ~**ая иде́я произведе́ния** ғояи асосии асар; ~**ые си́лы** қувваҳои асосӣ; ~**ой задачей является**... вазифаи асосӣ ин аст, ки... // *в знач. сущ.* **гла́вное** *с* кори (чизи) асосӣ; ~**ое сде́лано** кори асосӣ карда шудааст; **не сказа́ть** ~**ого** чизи асосиро нагуфта мондан // *в знач. вводн. сл.* **гла́вное** *разг.* аз ҳама муҳим, муҳиммаш ин ки|...; ~**ое, не торопи́тесь** муҳиммаш ин ки шитоб накунед 2. марказӣ, аз ҳама калон, асосӣ; ~**ая у́лица** кучаи (хиёбони) асосӣ 3. калон, сар=; ~**ый бухга́лтер** сарбухгалтер; ~**ый врач** сардухтур; ~**ый инжене́р** саринженер 4. *грам.:* ~**ое предложе́ние** сарҷумла; ~**ые члены предложе́ния** сараъзоҳои ҷумла ◇ ~**ая кварти́ра** *уст.* қароргоҳи сарфармондеҳ; ~**ая книга** *бухг.* дафтари асосӣ *(дафтари бухгалтерӣ барои қайд кардани беистисно ҳамаи муомилаҳои додугирифт)*; ~**ое де́ло** *в знач. вводн. сл.* муҳиммаш ин ки; алалхусус; ~**ым о́бразом** асосан, хусусан, бештар

=**гла́вый**, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «сар», «гунбаз», «теппа»*: **пятигла́вый** панҷсара, панҷкулла, панҷгунбаз; **златогла́вый** заргунбаз, гунбазтилло

глаго́л *м* 1. *грам.* феъл; **вспомога́тельный** ~ феъли ёридиҳанда; **безли́чный** ~ феъли бешахс 2. *уст. высок. (речь, слово)* сухан, гуфтор

глаго́лить *несов. уст.* арз кардан, ҳарф задан

глаго́лица *ж* глаголица *(яке аз ду алифбои забони славянии қадим, ки асоси алфавити русӣ гардидааст)*; *см. тж.* **кириллица**

глаголи́ческий, -ая, -ое ...и глаголица; ~ **алфави́т** алифбои глаголица

глаго́л||ь *м уст.* 1. *(название буквы «г»)* глаголь *(номи кухнаи ҳарфи «г»)* 2. *(о предметах в форме печатной буквы «Г»)* ашьёе, ки ба шакли ҳарфи чопаи «Г» бошанд // *(о виселице)* чуби (пояи) дор, ки ба шакли ҳарфи «Г» сохта мешавад // *в знач. нареч.* **глаго́лем** ба шакли ҳарфи «Г»; **стол, изо́гнутый** ~**ем** мизи ба ҳарфи «Г» монанд

глаго́льн||ый, -ая, -ое *грам.* феълӣ, ...и феъл; ~**ые оконча́ния** бандакҳои феълӣ

глад *м уст. поэт.* гуруснагӣ, гушнагӣ

гладиа́тор *м ист.* гладиатор *(дар Рими Қадим — паҳлавонғулом, ки дар саҳнаи цирк бо ғуломони дигар ва ё бо ҳайвонҳои ваҳши ҷанг мекард)*

гладиа́торск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и гладиатор, гладиаторӣ; ~**ие и́гры** бозиҳои гладиаторҳо

глади́льн||ый, -ая, -ое ...и уттикунӣ, ...и дарзмолкунӣ; ~**ая доска́** тахтаи уттикунӣ

глади́льня *ж* уттихона

глади́льщик *м* уттикунанда, дарзмолкунанда; пардозкунанда, пардозчӣ; ~ **ко́жи** пардозкунандаи чарм

глади́льщица *женск. к* **глади́льщик**

гладио́лус *м бот.* гули ёқут

гладио́лусовый, -ая, -ое *бот.* ...и гули ёқут

гла́дить *несов.* 1. *что* уттӣ (дарзмол) кардан; ~ **пла́тье** куртаро уттӣ кардан 2. *кого-что* молидан, масҳ кардан; ~ **бороду** ришро молидан 3. *(ласкать)* навозиш кардан, сила кардан ◇ ~ **по голо́вке** *кого* таъриф кардан, тахсин гуфтан; ~ **про́тив ше́рсти** *кого* танбеҳ додан

гла́дит||ься *несов.* 1. нағз уттӣ (дарзмол) шудан; **полотно легко́** ~**ся** катон нағз уттӣ мешавад 2. *страд.* уттӣ карда шудан, дарзмол карда шудан

гла́дк||ий, -ая, -ое (гла́д|ок, -ка́, -ко) 1. ҳамвор, суфта, силиқ; ~**ая пове́рхность** сатҳи ҳамвор; ~**ий, как зе́ркало** мисли оина суфта; ~**ие волосы** муи силиқ // *(о платье)* оддӣ, оддидухт; ~**ое чёрное пла́тье** куртаи сиёҳи духташ оддӣ // *(одноцветный, не имеющий узора)* якранга, бенақшунигор; ~**ая ткань** матои якранга (бенақшу нигор) 2. *перен.* равон, мавзун, фасеҳ; ~**ая речь** гуфтори равон 3. *прост.* фарбеҳ, чоқ; ~**ий конь** аспи фарбеҳ ◇ **с него́ взя́тки** ~**и** аз вай парахае намепарад

гла́дко *нареч.* 1. ҳамвор, суфта, силиқ; ~ **вы́строгать до́ску** тахтаро тарошида суфта кардан; ~ **приче́санный** силиқ шона кардашуда 2. *перен. (о речи)* равон, мавзун 3. *перен.* ба осонӣ, бе машаққат; ба хубӣ, нағз;

репетиция прошла ~ репетиция нағз гузашт

гладкокрашеный, -ая, -ое якранга

гладкоствольн||ый, -ая, -ое суфтамил; ~**ое ружьё** милтики суфтамил

гладкость *ж* 1. суфтагӣ; ~ **кожи** суфтагии пуст // *(одноцветность)* якрангӣ; ~ **ткани** якрангии матоъ 2. *перен.* равонӣ, мавзунӣ, фасохат; ~ **и плавность стиха** равонӣ ва мавзунии шеър

гладкошёрстный, гладкошёрстый, -ая -ое силиқпашм

гладыш *м прост. и обл.* 1. кайроқ 2. биққича 3. *зоол.* обсофкунак

гладь I *ж (ровная поверхность)* сатҳи ором, сатҳи ҳамвор; **морская** ~ сатҳи ороми баҳр; **зеркальная** ~ **озера** сатҳи оинагуни кул ◇ **тишь да** ~ чим-чит; тинҷӣ ва амонӣ

гладь II *ж (вышивка)* гулдузӣ; **вышивать** ~**ю** гулдузӣ кардан

глаже *сравн. ст. к* **гладкий** *и к* **гладко**

глаженный *прич.* (глажен, -а, -о) уттӣ кардашуда

глажен||ый, -ая, -ое уттӣ (дарзмол) кардашуда; ~**ое платье** куртаи (либоси) уттӣ кардашуда

глаженье *с (по знач. гл.* **гладить** 1) уттӣ (дарзмол) кардан(и); ~ **белья** уттӣ кардани ҷомашуӣ

глаз *м* 1. чашм, дида; **правый** ~ чашми рост; **чёрные** ~**а** чашмони сиёҳ; **близорукие** ~**а** чашмони наздикбин, чашмони хира; **заплаканные** ~**а** дидаи ашкбор; ~**а с поволокой** чашми хумор, нигоҳи махмурона; **зажмурить** ~**а** чашмро нимпуш кардан; **закрыть** ~**а** чашмро пушидан 2. назар, нигоҳ, чашм; **встретиться** ~**ами** чашм ба чашм афтидан (во хурдан); **поднять** ~**а** назар (нигоҳ) кардан; **провожать** ~**ами кого-что-л.** аз пушти касе, чизе нигоҳ карда истодан 3. чашм; **бабушка стала слаба** ~**ами** чашми модаркалон хира аст // *тк. ед.* чашм; **верный** ~ чашми дақиқ; **меткий** ~ чашми тез; **опытный** ~ чашми зирак; **посмотреть на что-л.** ~**ом знатока** ба чизе бо чашми кордонӣ нигоҳ кардан 4. *перен. разг.* назорат; **нужен** ~ **да** ~ чашм набояд канд; **у семи нянек дитя без** ~**у** *посл.* ≈ кайвонӣ нуҳ шуд, завола гум шуд ◇ **бесстыжие** ~**а** *прост. бран. обращ.* бешарм!, беҳаё!; **доступный** ~**у** аён, намоён; **дурной** ~ чашми бад; **невооружённым (простым)** ~**ом** бо чашми оддӣ, бе айнак, бе дурбин; **своими** ~**ами** бо чашми худ; **хозяйский** ~ пухтакорӣ; ғамхорӣ, назорат; **в** ~**а** руйрост, беибо; **сказать в** ~**а кому-л.** ба руи касе гуфтан; **в** ~**ах кого-л., чьих-л.** дар (ба) назари касе, ба фикри (ба гумони) касе; **вырасти в чьих-л.** ~**ах** дар пеши назари касе эътибор (обру) пайдо кардан; **за** ~**а** 1) дар ғайб, ғоибона, аз пушт 2) *(не видя)* нодида *(дар хариду фурӯш, ҳангоми иҷора гирифтан)* 3) *(вполне)* комилан, баҳузур; **за** ~**а довольно** басу зиёдатист, баҳузур мерасад; **на** ~ тахминӣ, аз руи дид; **определить (прикинуть) на** ~ аз руи дид тахмин (муайян) кардан; **на** ~**ах у кого-л.** дар пеши чашми касе, дар пеши назари касе, дар ҳузури касе; **всё это происходит у него на** ~**ах** ҳамаи ин кор дар пеши назари вай рӯй медиҳад; **с глаз долой** 1) дур шав аз чашмам (аз назарам); **убирайся с глаз долой!** рав!, аз пеши чашмам дафъ шав!, ба назарам наНамо! 2) ба чашм нанамояд; **с глаз долой — из сердца вон** *посл.* аз дида дур — аз дил дур; **с** ~**у на** ~ танҳо ба танҳо, якка ба якка; **для отвода глаз** барои чашмбандӣ; **как бельмо на** ~**у** дилбазан, халаи биқин барин; **куда** ~**а глядят** ҳар ҷо, ки бошад; ҳар ҷо, ки рост ояд; **лопни [мои]** ~**а** *прост.* кур шавам ки...; **насколько хватает глаз** то чашм дидана; **ни в одном** ~**у** (~**е**) маст-паст не; **сна ни в одном** ~**у** *прост.* ҳеҷ хоб намебарад; **ради прекрасных глаз** ба хотири чашмони зебо; **с закрытыми** ~**ами** фикр накарда, мулоҳиза накарда, чашмро пушида; **с открытыми** ~**ами** касдан, дидаю дониста; **с пьяных глаз** *прост.* мастомаст; **хоть** ~ (~**а**) **выколи (коли)** тип-торик, торикистон; ~ **отдыхает** *на чём* чашми кас меосояд; ~**а разбежались** *у кого* ҳайрон шуда монд; ~**а разгорелись** *у кого* оби даҳон рафт; ~**а слипаются (закрываются)** хоб зер мекунад; ~**а бы [мои] не глядели (не видали, не смотрели)** намедидаму намесухтам; ~**а на лоб лезут** *у кого прост.* чашмон мош барин калон кушода мешаванд; ~**а на мокром месте** гирьёнчак; **и [даже]** ~**ом не ведёт** пинакашро вайрон намекунад; **глаз не казать** *куда, к кому* камнамо шудан, рафтуоро катъ кардан; ~**ом не моргнув** 1) мижа назада, бе фикру андеша 2) бе тарсу ҳарос; **не успел** ~**ом моргнуть** ба як мижа задан, дар як дам; **глаз не сводить с кого-чего-л.** аз касе, чизе чашм накандан; **глаз не сомкнуть** чашм напушидан, мижа тах накардан; **в** ~**а не видеть** *кого* ҳеҷ надидан, асло надидан; **у меня в** ~**ах потемнело** пеши чашмонам сиёҳӣ зад; **в** ~**ах рябит** дар пеши чашм бичиррос мезанад; **не знаю, с какими** ~**ами покажусь** *куда* бо кадом рӯй ба чашми мардум намоён мешавам; **беречь пуще глаза (ока)** ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кардан (нигоҳ доштан); **бить в** ~**а** диққатро ба худ кашидан (ҷалб кардан); **бросаться в** ~**а** ба чашм афтодан, диққатро ба худ ҷалб кардан; **впиться** ~**ами** *в кого, во что* теғ кашида нигоҳ кардан; **выкатить** ~**а** *прост.* чашм ало кардан, чашм аз косахона баровардан; **высмотреть [все]** ~**а** *прост.* чашм чор шудан; **вытаращить (выпялить)** ~**а** *прост.* чашмро аз косахона баровардан, чашмро калон кушодан; **глядеть (смотреть) во все** ~**а**, **глядеть (смотреть) в оба** ~**а** бо диққат нигоҳ кардан; **делать большие** ~**а** дар тааҷҷуб мондан, ҳайрон шудан; **делать круглые** ~**а** худро ба нодонӣ задан; **закрыть** ~**а кому-л.** манаҳи касеро бастан; ба ҳалқи касе об чаккондан; **закрыть** ~**а на что-л.** чашм аз чизе пушидан, аҳамият ба чизе надодан; **играть** ~**ами** ғамза кардан, чашм паррондан; **искать** ~**ами кого-что-л.** чашм давонда касеро, чизеро кофтан; **лезть в (на)** ~**а кому-л.** *прост.* 1) зур зада диққати касеро ба худ ҷалб кардани шудан 2) худнамоӣ кардан; **мозолить** ~**а** *кому прост.* хори чашм шудан; безор кардан; **не верить [своим]** ~**ам** ба чашмони худ бовар накардан; **не спускать глаз с кого-чего-л.** 1) *(смотреть)* чашм накандан аз касе, чизе 2) *(пристально следить)* дар зери чашм доштан; **открыть** ~**а кому-л.** *на что* чашми касеро кушодан; **отвести** ~**а кому-л.** чашми касеро ба хато андохтан; **пожирать** ~**ами** *кого-что* бо чашм хурдан; **показываться (казаться) на** ~**а** *чьи, кому* ба назар (ба чашм) намудан; **попасть на** ~**а** ба чашм афтидан; **продрать** ~**а** *прост.* чашм кушодан, бедор шудан; **проплакать (выплакать) все** ~**а** аз гирья чашмро варам кунондан; **протереть** ~**а** *прост.* бедор шудан; аз хоб хестан; **пустить пыль в** ~**а кому-л.** ба чашми касе хок пошидан; **пялить (пучить)** ~**а** *на кого-что прост.* чашмро песондан, чашм сих кардан, чашм духтан; **скрыться из глаз** аз назар ғоиб шудан; **смотреть в** ~**а** *кому* 1) чашм духтан 2) тамаллуқ кардан; **смотреть в** ~**а** *чему* нотарс ру ба ру шудан, беҳарос нигоҳ кардан; **смотреть в** ~**а правде** аз ҳақиқат бим надоштан; **смотреть в** ~**а смерти** аз марг наҳаросидан; **смотреть прямо (смело) в** ~**а** *чему* нотарсона нигоҳ кардан; **смотреть большими** ~**ами** тааҷҷубомез чашм духтан; **смотреть другими** ~**ами** *на кого-что* бо дигар чашм дидан, аз дигар ҷиҳат баҳо додан; **аза в** ~**а не знает** алифро калтак мегуяд; **искры из глаз посыпались** аз чашмон оташ парид; **не в бровь, а в** ~ *погов.* ≈ кофия рост омад; **правда** ~**а колет** *посл.* сухани ҳақ талх мешавад; **у страха** ~**а велики** *погов.* тарсончак чор чашм дорад

глазастый, -ая, -ое (глазаст, -а, -о) 1. *разг.* калончашм, чашмкалон, шохкосачашм; ~ **малыш** бачаи чашмкалон 2. *разг. (зоркий)* зиракчашм, тезбин 3. *прост. и обл.* ба назар тобанда, барчаста; ~ **ситец** чити гулкалон (парчагул)

глазенапы *тк. мн. прост.* нинак

глазёнки *тк. мн. разг. уменьш.-ласк. к* **глаза**; ~ **блестят** чашмчаҳояш медурахшанд

глазет *м текст.* матои зарбафт, кимхоб

глазетовый, -ая, -ое *текст.* зарбафт, ...и кимхоб

глазеть *несов. на кого-что прост.* нигоҳ карда истодан, даҳаньяла шуда

мондан; ~ на прохожих роҳгузаронро тамошо кардан

глазирова́ние *с см.* **глазиро́вка** 1

глазирова́ть *сов., несов. что кул.* қиёмӣ кардан; ~ **фру́кты** меваро қиёмӣ кардан; ~ яблоко себро қиёмӣ кардан

глазирова́ться *несов. страд.* қиёмӣ шудан

глазиро́вк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **глазировать**) қиёмӣ кардан(и) 2. қиёмӣ қанд; торт с ~ой торти қиёмдор

глазни́к *м разг.* духтури чашм

глазни́ца *ж анат.* косаи (косахонаи) чашм

глазни́чный, -ая, -ое *анат.* ...и косахонаи чашм; ~ **нерв** асаби косахонаи чашм

глазн||о́й, -ая, -ое ...и чашм; ~ые **боле́зни** дардҳои чашм; ~а́я **впа́дина** *см.* **глазни́ца**; ~ое **я́блоко** *анат.* ғузаи чашм; ~о́й **врач** духтури чашм; ~ая **мазь** марҳами чашм ◇ ~ые **зу́бы** дандонҳои ашк

глазодви́гательный, -ая, -ое *анат.* ҳаракатдиҳандаи чашм; ~ **нерв** асаби ҳаракатдиҳандаи чашм

глаз||о́к *м* 1. (*мн.* **глазки**) *уменьш.-ласк. к* **глаз**; **ма́ленькие гла́зки** чашмони майда 2. (*мн.* **глазки́**) хол (*дар ранги ҳашарот, паррандаҳо ва ғ.*); ~**ки́ на хвосте́ павли́на** холҳои думи товус // *уст. и прост.* (*в рисунке ткани, вышивки и т. п.*) хол-хол; **пла́тье с голубы́ми ~ка́ми** куртаи хол-холи кабуд 3. (*мн.* **глазки́**) *разг.* (*отверстие*) сурох, шикоф, равзанак, дидгох; ~**о́к фотоаппара́та** дидгоҳи фотоаппарат; ~**о́к в две́ри** чашмаки дар 4. (*мн.* **глазки́**) *бот.* (*почка*) муғча (*барои пайванд бурида мегиранд*) ◇ **аню́тины гла́зки** *бот.* гули одамруй; **на ~ок** тахминан, аз руи дид; **определи́ть (прики́нуть) на ~о́к** аз руи дид тахмин (муайян) кардан; [**хоть**] **одни́м ~ко́м взгляну́ть** як чашм андохтан, як лаҳза дидан; **стро́ить (де́лать) гла́зки** *кому* назарбозӣ кардан, чашмакӣ задан

глазоме́р *м* назардид; **определи́ть расстоя́ние по ~у** масофаро назардид муайян кардан; **како́й у него́ превосхо́дный ~!** ӯ назардиди хубе дорад

глазоме́р||ный, -ая, -ое бо назардид, ...и назардид; ~**ое определе́ние расстоя́ния** назардид муайян кардани масофа ◇ ~**ая съёмка** *топ.* нақшагирии назардид

глазу́нья *ж кул.* тухмбирьён

глазу́р||ный, -ая, -ое ...и сир, сирдор, сир давондашуда; ~**ые изразцы́** кошинҳои сирдор

глазуро́ванный, -ая, -ое 1. *прич.* сир давондашуда, сирдор кардашуда 2. *прил.* сирдор; ~ **ка́фель** кошини сирдор

глазурова́ть *сов., несов. что* сир давондан, сирдор кардан; ~ **посу́ду** ба зарф сир давондан

глазурова́ться *несов. страд.* сир давонда шудан, сирдор карда шудан

глазуро́вка *ж* (*по знач. гл.* **глазуровать**) сир давондан(и), сирдор кардан(и)

глазу́рь *ж* 1. сири зарф, сири оина 2. *кул.* қиёми қанд

глазча́т||ый, -ая, -ое чипор, хол-хол, холдор; ~**ая ба́бочка** шапалаки хол-хол; ~**ая я́щерица** сусмори чипор

гла́нды *мн.* (*ед.* **гла́нда** *ж*) *анат.* ғадуди гулу; **удали́ть ~** ғадудҳои гулуро бурида гирифтан

глас *м уст. поэт.* ово, нидо, савт; **тру́бный ~** нидои нафир ◇ ~ **наро́да** раъйи мардум; ~ **вопию́щего в пусты́не** *книжн.* замин сахту осмон баланд; **ни ~а, ни воздыха́ния** *книжн.* на даму на ово

гласи́||ть *несов. что и без доп. книжн.* 1. гуфтан, изҳор кардан; **преда́ние ~т** ривоят мекунанд, ки...; овардаанд, ки...; **на́дпись ~т...** аз навиштаҷот маълум аст, ки...; **пара́граф зако́на ~т сле́дующее...** моддаи қонун мегуяд, ки ... 2. *уст. поэт.* эълон кардан, ҷор андохтан

гла́сно *книжн.* 1. *нареч.* ошкоро, бо овози баланд, дар ҳузури ҳама 2. *в знач. сказ. уст.* ошкор аст

гла́сност||ь *ж* кушод (маъруф) будан(и); ~**ь суда** кушод будани мурофиаи суд; ~**ь соревнова́ния** ошкории мусобиқа; **преда́ть ~и** маъруф кардан

гла́сн||ый, I, -ая, -ое *лингв.* садонок; ~**ые зву́ки** садонокҳо, овозҳои садонок // *в знач. сущ.* **гла́сный** *м*, **гла́сная** *ж* садонок, овози садонок; **бе́глые ~ые** садонокҳои ноустувор; **ударя́емые ~ые** садонокҳои заданок

гла́сн||ый II, -ая, -ое (**гла́с|ен**, -на, -но) (*открытый, публичный*) кушод, маъруф; **сде́лать что́-л. ~ым** чизеро маъруф кардан

гла́сный III *м ист.* аъзои думаи шаҳрӣ, депутати шаҳр (*аъзои интихобшавандаи органи маҳаллии худидоракунӣ дар Россияи пешазреволюционӣ*); ~ **городско́й ду́мы** аъзои думаи шаҳрӣ

гла́уберов, -а, -о: ~**а соль** *хим.* намаки Глаубер

глауко́ма *ж мед.* глаукома, оби сабз (*касалии чашм*)

глаукони́т *м мин.* глауконит (*минерали сабзранг*)

глаша́тай *м прям., перен.* ҷорчӣ, мунодӣ; ~ **ми́ра** мунодии сулҳ

гле́тчер *м геол.* пирьях

гликоге́н *м биол.* гликоген (*ангиштоби захиравӣ дар организми инсон ва ҳайвонот*)

гли́на *ж* гил, лой; **бе́лая ~** *см.* **каоли́н**; **огнеупо́рная ~** гилмоя

гли́нистость *ж* гилнокӣ, гилдорӣ; ~ **по́чвы** гилнокии замин

гли́нист||ый, -ая, -ое гилнок, гилдор, серлой; ~**ая по́чва** замини гилдор; ~**ый сла́нец** варакасанги гилдор

гли́нище *с* кони гил, гилзор

глинобитн||ый, -ая, -ое пахса, гилӣ, лоин; ~**ые сте́ны** деворҳои пахса, пахсадеворҳо

глинозём *м хим.* гилхок (*оксиди алюминий*)

глинозёмистый, -ая, -ое *хим.* гилхокӣ

глинозёмный, -ая, -ое *хим.* ...и гилхок; ~ **заво́д** заводи гилхок

глиномеша́лка *ж* гиларалашкунак

глинтве́йн *м* глинтвейн (*нӯшокии гарми аз шароби сурх ва дорувор тайёр кардашуда*)

гли́нян||ый, -ая, -ое гилӣ, гилин; сафолӣ; ~**ая посу́да** зарфи сафолӣ

гли́птика *ж* наққорӣ (*нақри нақшу сурат дар руи сангҳои қиматбаҳо*)

глиссандо *с нескл. муз.* глиссандо, рез (*як усули навохтани асбобҳои мусиқӣ*)

гли́ссер *м мор.* глиссер (*завраҳи тезгард*)

глист *м* гиҷҷа, кирми меъда; **ле́нточные ~ы** гиҷҷаҳои тасмашакл

гли́стный, -ая, -ое ...и гиҷҷа, ...и кирми меъда

глистого́нн||ый, -ая, -ое гиҷҷағалтон; ~**ые сре́дства** доруҳои гиҷҷағалтон

глицери́н *м* глицерин

глицери́нов||ый, -ая, -ое ...и глицерин; глицеринӣ; ~**ое мы́ло** собуни глицеринӣ; ~**ое произво́дство** истеҳсоли глицерин

глици́ния *ж бот.* девток

глобальн||ый, -ая, -ое 1. глобалӣ (*мансуб ба миқёси тамоми кураи замин*); ~**ая раке́та** ракетаи глобалӣ 2. ҳаматарафа, том, куллӣ; ~**ые расчёты** ҳисобу китоби том (куллӣ) 3. умумӣ

глобули́ны *мн.* (*ед.* **глобули́н** *м*) глобулинҳо (*гуруҳи сафедаҳои ҳайвонот ва наботот*); **моло́чный глобули́н** глобулини шир

глобуля́рный, -ая, -ое курашакл, курамонанд

гло́бус *м* глобус

гло́бусный, -ая, -ое ...и глобус

глода́ние *с* (*по знач. гл.* **глодать** 1) хоиш, хоидан(и)

глода́ть *несов. кого-что* 1. хоидан; **соба́ка гло́жет кость** саг устухон мехояд 2. *перен.* азоб додан, озурдан, сӯхон кардан; **его́ гло́жет тоска́** ғусса уро азоб медиҳад; **его́ гло́жет за́висть** у аз бухлу ҳасад дар азоб аст

гло́сса *ж уст. филол.* ҳошия

глосса́рий *м филол.* глоссарий, луғат (*луғати тафсирии калимаҳои кӯҳна ва номафҳум*)

глосси́т *м мед.* глоссит (*варами забон*)

глота́ни||е *с* (*по знач. гл.* **глотать** 1) фурубарӣ; фуру бурдан(и); **он ощуща́ет боль при ~и** вай дар вақти фурӯ бурдан дард ҳис мекунад

глота́тельн||ый, -ая, -ое ...и фурубарӣ, ...и фуру бурдан; ~**ые движе́ния** қултзанӣ, ҳаракати ҳангоми фурубарӣ

глота́ть *несов.* 1. *что и без доп.* фуру бурдан; ~ **пи́щу** хурокро фурӯ бурдан 2. *разг.* тез-тез (ҳарисона) хурдан (нӯшидан); ~ **горя́чую ка́шу** шулаи гармро ҳарисона фуру бурдан 3. *что перен.* бо завки тамом китоб хондан; бо шавқи тамом гӯш андохтан; с

жадностью ~ книги бо завки тамом китобхонӣ кардан; я глотал каждое его слово ман ҳар як суханн уро бо шавқи тамом гуш мекардам ◇ ~ воздух ҳаво фуру кашидан, даҳанро кушода сахт-сахт нафас кашидан; ~ слёзы аз гирья худдорӣ кардан; ~ слова нимғурма гап задан; ~ слюнки оби даҳан равондан

глотаться *несов. страд.* фуру бурда шудан

глотк||а *ж* 1. *анат.* гулу, ҳалқ, ҳалқум 2. *прост.* *(горло)* гулу ◇ **брать кого-л. за** ~**у** *прост.* аз гулуи касе гирифтан; **драть** ~**у** *прост.* гулу даррондан; **заткнуть** ~**у кому-л.** *прост.* даҳани касеро бастан; **кричать (орать) во всю** ~**у** *прост.* гулу дарронда дод задан

глотнуть *сов. однокр.* к **глотать**

глоток *м* қулт, ҷуръа; **сделать** ~ як қулт кардан; **отхлебнуть один** ~ **воды** як қулт об фуру бурдан; **без глотка воды** бе як қулт об

глоточн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и гулу, ...и ҳалқум; ~**ое отверстие** роҳи гулу

глоттогоиический, -ая, -ое *уст. лингв.* ...и глоттогония, глоттогонӣ; ~ **процесс** процесси глоттогонӣ

глоттогония *ж уст. лингв.* глоттогония *(пайдоиши забон ва инкишофи он)*

глоттология *ж уст. лингв.* глоттология, забоншиносӣ

глохи||уть *несов.* 1. кар шудан; **он начал** ~**уть** вай руз ба руз кар шудан гирифт 2. *(затихать — о звуках)* паст (хомуш) шудан *(дар бораи овоз)* 3. *(гаснуть — об огне)* хомуш шудан, мурдан *(дар бораи оташ)* // *(переставать работать)* аз кор мондан; **мотор** ~**ет** мотор аз кор мемонад 4. *перен.* рафта-рафта (торафт) барҳам хурдан; **его талаит** ~**ет** истеъдоди у торафт барҳам мехурад 5. хароб шудан; **чудесный сад стал** ~**уть** боғи зебо хароб шудан гирифт

глубже *сравн. ст.* к **глубокий** *и к* **глубоко**

глубин||а *ж* 1. чуқурӣ, умқ, қаър, таг; **большая** ~**а** чуқурии зиёд; **измерить** ~**у** чуқуриро чен кардан; **морские глубины** қаъри баҳр 2. дарун, даруптар, миёна; **в** ~**е долины** дар дарунтари водӣ; **в** ~**е леса** дар миёнаи беша; **в** ~**е неба** дар баландиҳои осмон 3. *тк. ед.* пурмазмунӣ, пурмаъноӣ, камол, амиқӣ; ~**а мысли** амиқии фикр; ~**а таланта** камоли истеъдод; ~**а чувств** амиқии ҳиссиёт ◇ **в** ~**е души (сердца)** дар замири дил; **он меня тронул до** ~**ы души** вай маро ба риққат овард; **из** ~**ы веков** аз замонҳои бисёр қадим; **от** ~**ы души (сердца)** аз самими қалб

глубинн||ый, -ая, -ое 1. амиқ, умқӣ, қаърӣ; ~**ый лов** моҳигирӣ аз қаъри дарьё (баҳр); ~**ая бомба** бомбаи қаърӣ 2. дурдаст; ~**ые районы** районҳои дурдаст

глубиномер *м тех.* умқсанҷ

глубок||ий, -ая, -ое (глубок, -а, глубоко) 1. чуқур, амиқ; ~**ий водоём** ҳавзи чуқур; ~**ое ущелье** дараи чуқур; ~**ое бурение** *тех.* пармакунии чуқур; ~**ая вспашка** *с.-х.* шудгори чуқур; ~**ое залегание породы** чуқур ҷойгиршавии ҷинси кӯҳӣ 2. дур, дурдаст; ~**ий тыл** ақибгоҳи дур 3. *перен.* хеле (бисьёр) қадим; ~**ая древность** замонҳои бисьёр қадим; **преданья старины** ~**ой** *поэт.* ривоятҳои қадимулайём 4. *перен.* амиқ, чуқур, муҳим, ҷиддӣ, калон; ~**ие знания** донишҳон амиқ; ~**ая натура** одами ҷиддӣ; ~**ий знаток** *чего* донишманди закӣ; ~**ие противоречия** зиддиятҳои ҷиддӣ; ~**ий смысл** маънои амиқ 5. зур; комил, пурра; ~**ий интерес** шавқу ҳаваси зур; ~**ое отчаяние** ғояти навмедӣ, маъюсӣ; ~**ое уважение** эҳтироми комил; ~**ое молчание** сукути пурра; ~**ий мрак** зулмот; ~**ий сон** хоби сахт; ~**ая тайиа** сирри ниҳонӣ, рози ниҳон ◇ ~**ий взгляд (взор)** нигоҳи маънидор; ~**ий голос** овози дилнишин; ~**ая иочь** бевақтии шаб; ~**ий обморок** мадҳушии (беҳушии) дуру дароз; ~**ой осенью** дар охири тирамоҳ; ~**ая печать** *полигр.* чопи амиқ *(тарзи чоп, ки дар он ҷойҳои бо ранг пур карда мешудагӣ чуқур мебошанд)*; ~**ий поклон** таъзим; ~**ий старик** пири куҳансол (фартут)

глубоко 1. *нареч.* чуқур, амиқ; **нырнуть** ~ чуқур ғута задан; ~ **в душе затаить обиду** аламро дар дил нигоҳ доштан 2. *нареч.* бисьёр, сахт; **он** ~ **оскорблён** вай сахт озор дидааст; **он** ~ **неправ** вай бисьёр гунаҳкор аст 3. *в знач. сказ.* чуқур аст; **здесь** ~ ин ҷо чуқур аст

глубоководн||ый, -ая, -ое 1. чуқур, пуроб; ~**ая река** дарьёи чуқур (пуроб) 2. ...и қаъри баҳр; ~**ые исследования** тадқиқоти қаъри баҳр; ~**ый термометр** термометри қаъри баҳр; ~**ые рыбы** моҳиёни қаъри баҳр; ~**ая фауна** ҷонварони қаъри баҳр

глубокомыслеиио *нареч.* чуқурфикрона, пурмаъниёна

глубокомысленность *ж* чуқурфикрӣ, чуқурфикр будан(и), пурмаънигӣ; ҷиддият

глубокомыслеин||ый, -ая, -ое (глубокомыслен, -на, -но) 1. пурандеш, пурмаънӣ, пурмаъно; ~**ые высказывания** гуфтаҳои пурмаънӣ 2. ҷиддӣ; ~**ый вид** қиёфаи ҷиддӣ

глубокомыслие *с* чуқурфикрӣ, пурмаънигӣ

глубокоуважаемый, -ая, -ое муҳтарам

глубочайш||ий, -ая, -ее *превосх. ст.* к **глубокий** чуқуртарин, аз ҳама чуқуртар; беинтиҳо, беҳад; ~**ее презрение** нафрати беҳад

глубь *ж* 1. чуқурӣ, амиқӣ, қаър 2. дарун; ~ **леса** даруни ҷангал

глумиться *несов. над кем-чем* поймол (таҳқир) кардан

глумлеиие *с* (*по знач.* **глумиться**) поймол (таҳқир) кардан(и)

глумливый, -ая, -ое поймол, писхандомез, таҳқиромез

глупеть *несов.* аҳмақ (аблаҳ) шудан, ақл гум кардан

глупец *м* аҳмақ, аблаҳ, беақл, нодон, гул

глупить *несов. разг.* беақлӣ (аҳмақӣ) кардан, аҳмақона рафтор кардан

глупо *нареч.* аҳмақона, беақлона; **он** ~ **поступил** у аҳмақона рафтор кард

глуповато *нареч.* аҳмақнамоёна, беақлнамоёна; ~ **улыбнуться** аҳмақнамоёна табассум кардан

глуповатый, -ая, -ое (глуповат, -а, -о) аҳмақнамо, беақлнамо

глупост||ь *ж* 1. аҳмақӣ, аблаҳӣ, беақлӣ; ҳамоқат, бефаросатӣ 2. *разг.* бемаънигӣ, сафсата; **в голову лезут всякие** ~**и** ба сар ҳар гуна фикрҳои бемаънӣ роҳ мeёбанд; **какие** ~**и!** ин чӣ бемаънигист!; **непростительная** ~**ь!** бемаънигии афвнопазир!; **делать** ~**и** беақлӣ кардан; **иметь** ~**ь что-л. сказать (сделать)** беақлӣ карда чизе гуфтан (коре кардан)

глуп||ый, -ая, -ое (глуп, -а, -о) 1. аҳмақ(она), аблаҳ(она), беақл, бефаросат, куидфаҳм; **он глуп от природы** вай табиатан аблаҳ аст; ~**ая затея** кори аблаҳона 2. *разг.* нодон, содда, соддалавҳ, гул; ~**ый щенок** сагбачаи нодон 3. аҳмақона, аблаҳона; **у него** ~**ый вид** у намуди (қиёфаи) аҳмақона дорад 4. фаҷ; ~**ая книга** китоби фаҷ 5. *разг.* беҷо, бемаврид; ~**ая шутка** ҳазли хунук, ҳазли беҷо

глупыш I *м разг.* нодонак, беақлак *(одатан дар бораи бачагон)*

глупыш II *м зоол.* глупыш *(навъи паррандаи обии шимолӣ)*

глупышка *женск.* к **глупыш** I

глухарин||ый, -ая, -ое ...и дурроҷ; ~**ый ток** ҷеғи дурроҷ; ~**ые места** макони дурроҷ

глухарка *ж зоол.* мокиёни дурроҷ

глухарь *м* 1. *зоол.* дурроҷ *(навъе аз паррандаҳои калони ҷангалӣ)* 2. *прост.* *(глухой человек)* кар, одами кар 3. *тех.* *(болт, шуруп)* мехи печдор

глухо 1. *нареч.* *(о звуках)* паст, паст-паст, оҳиста; ~ **шумят сосны** дарахтони санавбар оҳиста шаввос мезананд; ~ **прокатился гром** раъд бо садои паст ғуррид 2. *нареч.* сахт, маҳкам, зич; ~ **закрыты ставни** даричаҳои пушти тиреза маҳкам баста шудаанд 3. *в знач. сказ. безл.* сокит аст, хомуш аст; **в лесу было** ~ дар беша хомушӣ ҳукмфармо буд

глуховатый, -ая, -ое (глуховат, -а, -о) 1. карнамо, гушвазнин 2. *(о голосе, звуках)* паст, гирифта, хиррӣ

глух||ой, -ая, -ое (глух, -а, -о) 1. кар, гушкар, гушвазнин, огандагуш // *в знач. сущ.* **глухой** *м*, **глухая** *ж* кар // *тк. кратк. ф. к чему перен.:* **он глух ко всем просьбам** у ҳеҷ гуна илтимосро гуш намекунад (ба назар намегирад) 2. хиррӣ, гирифта; ~**ой голос** овози гирифта; ~**ие рыдаиия** гирьяи беовоз; ~**ой рокот волн** шав-шуви пасти мавҷҳо 3. *перен.* ниҳонӣ, пин-

хонӣ; ~а́я неприя́знь хусумати (кинаи) пинҳонӣ 4. ғулӣ, анбуҳ, сердарахт; ~а́я тайга тайгаи ғулӣ 5. дурдаст, дур; ~ая деревýшка деҳаи дурдаст 6. хилват, камодам; ~а́я ýлица кучаи хилват 7. *перен.* бевақтии ..., бевақт, охир; ~а́я óсень охири тирамоҳ; ~а́я ночь бевақтии шаб 8. тамоман маҳкам (басташуда); ~а́я стена́ девори бедару тиреза; ~о́й воротни́к гиребони пешбаста ◇ ~ая крапи́ва газнаи бехор; ~и́е согла́сные *лингв.* овозҳои ҳамсадои беҷаранг

глухома́нь *ж разг.* ҷои дурдаст, ҷои камодам

глухонем||о́й, -ая, -ое кару лол, кару гунг; ~о́й ребёнок кудаки кару гунг // *в знач. сущ.* **глухонемо́й** *м*, **глухонема́я** *ж* кару гунг; шко́ла для ~ых мактаби кару гунгҳо

глухонемота́ *ж* карию гунгӣ, карию лолӣ

глухота́ *ж* карӣ, гушвазнинӣ, лолӣ

глу́ше *сравн. ст. к* **глухо́й** *и к* **глу́хо** пасттар, хафифтар

глуше́ние *с прост.* (*по знач. гл.* **глуши́ть** 5) бо таркиш гарангкунӣ, зада гаранг кардан(и)

глуши́тель *м* 1. *тех.* садонишонак (*асбобест барои сует кардани садои мошин, механизмҳо ва ғ.*) 2. *муз.* савтнишон (*олати созҳои сертори мусиқӣ барои барҳам додани ларзиши торҳо*) 3. *перен.* пахшкунанда, роҳнадиҳанда; ~ свобо́ды буғикунандаи озодӣ, ба озодӣ роҳнадиҳанда

глуши́||ть *несов.* 1. *кого-что* кар кардан 2. *что* пахш кардан, паст кардан, хомуш кардан (*овозро*); гул мо́ря ~л посторо́нние зву́ки гурриши баҳр дигар овозҳоро пахш мекард 3. *что* (*о растениях*) зер (пахш) кардан; ди́кий бурья́н ~л всё свое́й густото́й бурган ҳама чизро пахш мекард 4. *что перен.* фуру нишондан; ~ть в себе́ гнев ғазаби худро фурӯ нишондан 5. *кого прост.* зада аз ҳуш равондан, гаранг кардан; ~ть ры́бу моҳиро гаранг кардан (*ба воситаи зарба задани ях ё таркондани чизе дар зери об*) 6. *что прост.* хомуш кардан, куштан; ~ть у́гли лахчаро хомуш кардан (куштан) ◇ ~ть во́дку (вино́) *прост.* мурданивор арақ хурдан; ~ть мото́р моторро хомуш кардан

глуши́ться *несов. страд.* хомуш (паст, фуру нишонда) карда шудан; гаранг карда шудан

глушня́к *м собир. обл.* паттазор

глушь *ж* 1. хилватҷой, гушаи хилват; забра́ться в ~ ле́са ба гушаи хилвати беша рафтан 2. (*захолустье*) ҷои дур (дурдаст); ҷои ноободи (холӣ)

глы́ба *ж* харсанг, кулухпора, яхпора; ~ льда яхпора

глюко́за *ж* глюкоза (*шираи ангур*)

глюко́зный, -ая, -ое ...и глюкоза, глюкозадор

гляде́лки *мн. груб. прост. и обл.* чашмҳо, дидагон

гляде́ть *несов.* 1. нигоҳ кардан, нигаристан, назар андохтан, тамошо кардан; ~ в окно́ аз тиреза нигоҳ кардан 2. *кого-что прост.* аз паси чизе, касе нигоҳ кардан, пинҳонӣ (дуздида) нигоҳ кардан; ~ кого́-л. в толпе́ дар байни издиҳом ба касе дуздида нигоҳ кардан 3. *на кого-что перен.* ба ёд овардан, аз хаёл гузарондан; гляжу́ на своё про́шлое... гузаштаи худро ба ёд овардам... 4. *на кого-что перен.* нигоҳ кардан, муносибат кардан; гляди́ на ве́щи про́сто мушкилписандӣ накун 5. *на кого перен. разг.* тақлид кардан, пайравӣ кардан, таассуб кардан; гля́дя на дру́га и он сде́лал то́ же ба ҷурааш тақлид намуда, вай ҳам ҳамин тавр кард 6. *на что перен.* эътибор додан, парво кардан 7. *за кем-чем разг.* назорат кардан, нигоҳубин кардан; ~ за детьми́ ба кудакон нигоҳубин кардан; ~ за поря́дком ба тартиб назорат кардан 8. *на что* ба тарафе нигаронида шудан, ба тарафе нигоҳ кардан, дар ягон тараф воқеъ будан; дом о́кнами гляде́л на мо́ре тирезаҳои бино ба тарафи баҳр буданд 9. *разг.* (*видне́ться*) намоён шудан, намудан 10. *в знач. вводн. сл.* гляди́, гляди́шь *прост.* (*весьма вероятно*) аҷаб нест ки... 11. *в знач. межд. повел.* гляди́(те)! ҳушьёр бош(ед), эҳтиёт шав(ед)!; гляди́, опя́ть не упади́! ҳушьёр бош, боз наафтӣ!; гляди́те, бо́льше мне не попада́йтесь! эҳтиёт бошед, дигар ба ман дучор нашавед! ◇ ~ во́лком песондан, бо адоват нигоҳ кардан; ~ исподло́бья қавоқ андохта (беилтифотона) нигоҳ кардан; ~ ко́со *на кого-что* каҷ нигоҳ кардан; ~ в глаза́ *кому* 1) чашм духтан 2) тамаллуқ намудан; ~ в глаза́ *чему* нотарс ру ба ру шудан (нигоҳ кардан); ~ во все глаза́, ~ в о́ба гла́за бо диққат нигоҳ кардан; ~ в моги́лу (в гроб) пой ба лаби гур будан, дар дами марг будан; ~ в о́ба боэҳтиёт (эҳтиёткор, ҳушьёр) будан; ~ не́ на что ба дидан намеарзад, кирои дидан намекунад; ~ сквозь па́льцы на что́-л. мусоҳилакорӣ кардан; гля́дя по кому́-чему́-л. вобаста ба касе, чизе; мувофиқи касе, чизе; касеро, чизеро ба назар гирифта; на́ ночь гля́дя дар бевақтии шаб; ба торикии шаб нигоҳ накарда; глаза́ бы [мои́] не гляде́ли намедидаму намесухтам; как в во́ду гляде́л гуё ки ҳис карда буд, гуё ки пешакӣ медонист; куда́ глаза́ глядя́т ҳар ҷо, ки бошад, ҳар ҷо, ки рост ояд; куда́ ни глянь, куда́ ни гля́нешь ба кучое, ки назар андозӣ, дар ҳама ҷо; на свет [бо́жий] не гляде́л бы дуньё ба назарам наменамояд, дуньё дар назарам торик аст; того́ и гляди́ қариб аст ки...; мумкин аст ки...; эҳтимол ки...; того́ и гляди́, ребёнок заболе́ет қариб, ки кудак касал шавад; так и гляди́т фақат ҳаминро мехоҳад, орзуяш фақат ҳамин аст; что (чего́) гляди́т?, куда́ гляди́т? чашмаш ба куҷо?

гляде́ться *несов. во что* ба акси худ нигоҳ кардан; ~ в зе́ркало ба оина нигоҳ кардан

глядь *межд. разг.* банохост, баногоҳ

гля́нец *м* ҷило, пардоз; ялтос, ялаққос; навести́ ~ пардоз (ҷило) додан, муҳра задан

гля́нуть *сов. однокр. к* **гляде́ть** 1, 5, 6

глянцева́ние *с* (*по знач. гл.* **глянцева́ть**) ҷило (пардоз) додан(и), муҳра задан(и); ялтосӣ (ялаққосӣ) кунондан(и)

глянцева́ть *несов. что* ҷило (пардоз) додан, муҳра задан; ялтосӣ (ялаққосӣ) кунондан

глянцеви́тость *ж* ҷилодорӣ, пардознокӣ, дурахшонӣ; ялтосӣ (ялаққосӣ, муҳразада) будан(и)

глянцеви́тый, -ая, -ое (глянцеви́т, -а, -о) *см.* **гля́нцевый**

гля́нцев||ый, -ая, -ое ҷилонок, пардознок, муҳразада, дурахшон; ялтосӣ, ялаққосӣ; ~ая бума́га коғази муҳразада

гляцио́лог *м* гляциолог, яхшинос

гляциологи́ческий, -ая, -ое гляциологӣ, ...и яхшиносӣ

гляциоло́гия *ж* гляциология, яхшиносӣ

гм *межд.* ҳм, уху

гнать *несов.* 1. *кого-что* рондан, ҳай кардан, ҳай карда (ронда) бурдан; ~ ста́до подаро ронда бурдан; ве́тер го́нит ту́чи шамол абрҳоро пароканда мекунад; ~ плоты́ сал рондан 2. *кого-что* давондан, ҳай кардан, тезондан, шитоб кунондан; ~ ло́шадь вскачь аспро чорхез давондан; ~ маши́ну мошинро тез ҳай кардан // *без доп.* (*быстро ехать, мчаться*) тохтан давидан, парида рафтан 3. *что и без доп. перен. разг.* бо шитоб коре кардан, бо саросемагӣ коре кардан; он не го́нит с рабо́той вай саросема нашуда кор мекунад 4. *кого-что и без доп.* (*преследовать, травить зверя*) таъқиб (дунболагирӣ) кардан, сур кардан 5. *кого-что* рондан, ҳай (пеш) кардан; ~ из до́ма аз хона рондан 6. *что* кашидан; ~ спирт спирт кашидан; ~ дёготь қатрон кашидан ◇ ~ в ше́ю (вза́шей) *прост.* ба буни гардан зада рондан, зада ҳай кардан; гони́ моне́ту *груб. прост.* пулро барор, ҳамьёнро деҳ

гна́ться *несов.* 1. *за кем-чем* таъқиб (дунболагирӣ) кардан, аз паи чизе (касе) давидан (афтидан); ~ за зве́рем ҳайвони ваҳширо таъқиб кардан 2. *за чем разг.* давидан, ҷидду ҷаҳд кардан; кушидан; ~ за сла́вой аз паи шуҳрат давидан; он го́нится за деньга́ми вай аз паи пул медавад // *за кем-чем* баробар шудан, расидан; не ~ же мне за ним ман куҷову ба вай баробар шудан куҷо! 3. *страд.* ҳай карда шудан, ронда шудан; кашида шудан ◇ ~ по пята́м (по следа́м) из ба из таъқиб кардан, аз паи касе афтодаи, соягир рафтан; ~ за двумя́ за́йцами аз ин монда, аз вай ронда

гнев *м* хашм, ғазаб, қаҳр; вспы́шка ~а хуруҷи ғазаб; навле́чь на себя́

~ кого-л., чей-л. ба ғазаби касе гирифтор шудан; не помнить себя от ~а аз ғазаб худро гум кардан; покраснеть от ~а аз хашму ғазаб сурх шудан; не вводи меня в ~! ғазабамро набиёр!, маро оташин накун! ◇ не во ~ будь сказано уст. ба гапи ман қаҳратон наояд; смейить (положить) ~ на милость аз қаҳр фуромадан

гнéваться *несов. на кого-что уст.* хашмгин шудан, ба ғазаб омадан, қаҳр кардан, ғазабнок (оташин) шудан, дар қаҳр шудан

гнев||йть *несов. кого-что уст.* оташин кардан, ба ғазаб овардан, хашмгин кардан; **не ~й судьбу** аз тақдират нанол, ношукрӣ накун

гневлйвость *ж уст.* тезхашмӣ, тундмизоҷӣ, оташинӣ, ғазабнокӣ

гневлйвый, -ая, -ое (гневлйв, -а, -о) *уст.* тундмизоҷ, оташинмизоҷ, ғазабнок

гневно *нареч.* бо хашм, хашмгинона, бо ғазаб, ғазаболудона, пурхашмона; ~ **взглянуть на кого-л.** ба касе бо ғазаб нигоҳ кардан

гнéвный, -ая, -ое (гнéв|ен, -нá, -но) хашмгин(она), ғазабнок, қаҳрнок, оташин; ~ **взгляд** нигоҳи хашмгинона

гнед||ой, -ая, -ое турук, якрон, адҳам; **~ой жеребёнок** тойчаи турук; **пара ~ых** *в знач. сущ.* як ҷуфт аспи турук

гнезд||иться *несов.* 1. *(о птицах)* лона (ошьёна, хона) мондан (сохтан); **ласточки ~ятся под крышей** фароштурукҳо дар зери бом лона месозанд 2. *перен. прост. (о людях)* ҷой гирифтан, ҷойгир шудан 3. *перен. книжн.* реша давондан, ҷойгир шудан, будан

гнездó *с* 1. ошьёна, лона, хона; **ласточкино ~** ошьёнаи фароштурук; **змеиное ~** хонаи мор, морхона; **осиное ~** *прям., перен.* орухона 2. *перен.* хонадон, оила; **домашнее ~** хонавода, оила; **родное ~** ватан, днёр, зодгоҳ; **свить [себé] ~** 1) *(о птицах)* ошьёна (лона) сохтан 2) *перен.* хонадор шудан 3) *перен.* ҷойгир шудан 3. *перен. уст.* хонадон, авлод, насаб, насл; **дворянское ~** хонадони ашроф, хонаи ашрофон 4. *перен. (притон)* хона, макон, маскан; **воровское ~** макони туздон 5. *(о растениях, грибах и т. п.)* даста, як чанд бех; ~ **белых грибов** як чанд бех занбуруғи сафед 6. *геол.* ҷой, кон 7. *лингв.* гуруҳи калимаҳои ҳамреша 8. ҷуқурча, шикоф, сурох; **гнёзда для патрóнов** тирдон; **пулемётное ~** шинаки пулемёт 9. *с.-х.* ҷуқурчаҳои донпартой

гнездовáни||е *с* лонасозӣ, ошьёнасозӣ, хонамонӣ; **период ~я птиц** мавсими лонасозии паррандагон

гнездоваться *несов.* ошьёна сохта ҷуҷа баровардан

гнездóвка *ж см.* **гнездовье**

гнездов||óй, -áя, -óе 1. ...и лона, лонасозанда, ошьёнасозанда 2. гуруҳ-гуруҳ, туб-туб 3. *геол.* ...и маъдан, ...и кон 4. *лингв.* ...и гуруҳи калимаҳои ҳамреша 5. *с.-х.* тоқа-тоқа; ~ **посев** кишти тоқа-тоқа

гнездовь||е *с* ҷои лонасозӣ (ошьёнасозӣ, хонамонӣ); манзилгоҳ; **птичьи ~я** ҷои лонасозии мурғон

гнейс *м мин.* гнейс *(навъи хоросанг)*

гнéйсовый, -ая, -ое *мин.* ...и гнейс, гнейсӣ

гнести *несов. кого-что* 1. азоб додан, зиқ кардан, руҳафтода кардан; **его гнетёт горе** ғаму ғусса уро азоб медиҳад 2. *(притеснять, угнетать)* зулм (ситам) кардан

гнёт *м* 1. бор, санг; **положить сыр под ~** панирро дар зери бор мондан 2. *перен.* ғам, ғусса, андуҳ; **это лежит ~ом на душé** ин маро азият медиҳад; **под ~ом** *чего* ночор, маҷбуран; **под ~ом обстоятельств** аз руи ноилоҷӣ 3. зулм, ҷабр, ситам, тазьиқ

гнетýщ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* ғамовар, пурғусса; **~ее впечатлéние** таассуроти ғамовар

гнйда *ж* 1. ришк, тухми шабушк, гардак 2. *прост. бран.* одами зишт, мурдор, разил

гниéние *с* 1. пусиш, тосиш, уфунат, гандидан(и) 2. *перен.* фисқу фуҷур

гнил||óй, -áя, -óе (гнил, -а, -о) 1. пусида, тосида, гандида; **~óе дерево** дарахти пусида; **~óе яблоко** себи тосида; **~ые зубы** дандонҳои пусида; **~áя вода** оби гандида; **~áя верёвка** арғамчини пусида; **~óй мех** муинаи куязада 2. *(о погоде, климате)* нам, серборищ; **~áя зимá** зимистони серборищ 3. *перен.* тосида, ғалат, завольёфта; **~áя теория** назарияи ғалат

гнйлостность *ж* пусонанда будан(и), тосонанда будан(и)

гнйлостн||ый, -ая, -ое 1. пусида, тосида, фосид; ганда; **~ый зáпах** буи ганда 2. пусонанда; **~ые бактéрии** бактерияҳои пусонанда

гнйлость *ж* 1. пусидагӣ, пусандагӣ, тосидагӣ, гандидагӣ 2. *перен.* таназзул, фисқу фуҷур, завол

гнилýшка *ж* чуби пусида, чуби кирмхурда, чуби пукка

гнил||ь *ж* 1. пусидагӣ, чизи тосида (гандида, фосидшуда); **пáхнет ~ью** буи чизи гандида меояд // *(недоброкачественные товары)* моли куязада (миттазада) 2. *перен.* бади, пусидагӣ 3. *(плесень)* мағор, пупанак, карра; **зелёные пятна ~и** лаккаҳои кабуди мағор 4. *(название некоторых болезней у растений)* пусиш

гнильё *с собир. разг.* чизҳои пусида (тосида, гандида)

гнильц||á *ж:* **с ~óй** *прост.* андак пусида (гандида); **яблоки с ~óй** себи андак кирмзада; **человéк с ~óй** одами ганда

гни||ть *несов.* 1. пусидан, тосидан, гандидан; **дерево ~ёт** дарахт мепусад; **рыба ~ёт** моҳӣ ганда мешавад 2. *перен.* вайрон шудан, фосид шудан

гноекрóвие *с уст.* фасоди хун

гноéние *с* *(по знач. гл.* **гноить**) пусиш, тосиш; *(по знач. гл.* **гноиться**) мадда (рим, фасод) кардан(и); ~ **рáны** мадда кардани ҷароҳат

гноеотделéние *с* мадда (рим, фасод) ҷудо кардан(и)

гноеотделйтельный, -ая, -ое мадда (рим, фасод) ҷудокунанда; ~ **процéсс** процесси маддаҷудокунӣ

гноерóдн||ый, -ая, -ое мадда (рим, фасод) пайдокунанда; **~ые бактéрии** бактерияҳои мадда пайдокунанда

гноетечéние *с* маддаравӣ, фасодрезӣ

гноить *несов.* 1. *что* пусондан, тосондан; фосид кардан; ~ **сéно** хасбедаро пусондан 2. *кого-что перен.* пусондан; ~ **в тюрьмé** дар ҳабсхона пусондан

гно||йться *несов.* мадда (рим, фасод, чирк) кардан, газак гирифтан; **рáна ~йтся** захм фасод мекунад; **глазá ~ятся** чашм чирк мекунад

гной *м* мадда, рим, фасод, чирк

гнойник *м* 1. думбал, римхона 2. *перен.* манбаи фисқу фасод

гнойничкóвый, -ая, -ое ...и думбал, ...и римхона

гнóйн||ый, -ая, -ое мадданок, римнок, фасоддор, чирколуд; **~ая рáна** ҷароҳати фасоддор

гном *м* гном *(паканаи бадафти ришдор дар асотири Европаи Ғарбӣ)*

гнóмон *м* гномон, устурлоби офтобӣ

гносеологйческ||ий, -ая, -ое *филос.* гносеологӣ, ...и гносеология; **~ие выводы** хулосаҳои гносеологӣ

гносеолóгия *ж филос.* гносеология *(назарияи дониш)*

гнóстик *м* гностик, пайрави гностицизм

гностицйзм *м филос.* гностицизм *(ҷараёни динии давраҳои охири антиқа, ки боиси пайдоиши бидъати давраҳои аввали насрония шуда буд)*

гностйческий, -ая, -ое *филос.* ...и гностицизм, гностикӣ

гну *м, ж нескл.* гну *(оҳуи даштии Африкаи Ҷанубӣ)*

гнус *м собир.* пашша, хомушак

гнусáвить *несов. разг.* манқа-манқа гап задан

гнусаво *нареч.* манқа-манқа; **говорйть ~** манқа-манқа гап задан

гнусáвость *ж* манқагӣ

гнусáвый, -ая, -ое (гнусáв, -а, -о) манқа; ~ **гóлос** овози манқа

гнусйть *несов. см.* **гнусавить**

гнýсно *нареч.* қабеҳона, зишткорона; **поступйть ~** қабеҳона рафтор кардан // *в знач. сказ. безл.* қабеҳ (зишт) аст; **на душé у негó было ~** дилаш ғаш буд

гнýсност||ь *ж* 1. қабоҳат, мурдорӣ; **~ь поведéния** қабоҳати рафтор 2. рафтори қабеҳ; сухани зишт; **говорйть ~и** суханҳои зишт гуфтан, гапҳои қабеҳ гуфтан

гнýсн||ый, -ая, -ое (гнус|ен, -нá, -но) қабеҳ(она), манҳус(она), разил(она), ганда; **~ая клеветá** тӯҳмати разилона; **~ый обмáн** фиреби манҳусона; **~ый человéк** одами қабеҳ

гнусь *ж прост.* мурдор, ганда

гнýт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хам (кач,

кат) кардашуда 2. *прил.* хам, хамида, кач, кат, катчӯб; **~ые салазки** чанаи катчӯб

гнуть *несов.* 1. *что* хам (кач, кат) кардан, хамондан, кат карда сохтан; **~ проволоку** симро кач кардан; **~ дуги** дуға сохтан 2. хам кардан; **ветер гнёт к земле деревья** шамол дарахтонро ба замин хам мекунад 3. *что, к чему и без доп. перен. разг.* гапро ба тарафе бурдан; **куда (к чему) он гнёт?** у гапро ба кадом тараф бурданӣ? ◇ **~ горб (спину)** араки чабин рехтан, ранч бурдан; **~ шею (спину)** 1) *перед кем* сар хам кардан 2) косалесӣ кардан; **~ в бараний рог, ~ в дугу (в три дуги), ~ в три погибели** чабр кардан; **~ свою линию, гнуть своё** *прост.* гапи худро гузаронданӣ шудан, исроркорона гуфти худро гузарондан

гнуться *несов.* 1. хам (кач, кат) шудан, хамидан; **яблони гнутся под тяжестью плодов** дарахтони себ аз борашон хам мешаванд 2. *перен.* мутеъ шудан, гардан фуровардан, тан додан 3. хаму рост шудан; **проволока гнётся** сим хаму рост мешавад 4. *страд.* хам (кач, кат) карда шудан

гнуша||ться *несов. кого-чего, кем-чем или с неопр.* худро канор кашидан, ҳазар кардан, ор (ибо, номус) кардан; **он ничем не ~ется** вай аз ҳеч чиз ҳазар намекунад

гобелен *м* гобелен (*қолини қоқмаи деворӣи суратдор*)

гобеленовый, -ая, -ое ...и гобелен, гобеленӣ

гобоист *м* гобойнавоз, сурнайнавоз

гобой *м муз.* гобой, сурнай

говарива||ть *несов. разг. многокр. к* **говорить** 2, 4; **он часто ~л это** у инро гаштаю баргашта мегуфт

говенье *с* (*по знач. гл.* **говеть**) рузадорӣ, рузагирӣ

говеть *несов. церк.* рӯза доштан, руза гирифтан

говор *м* 1. овоз, гуфтугу, ғалоғула; **многоголосый ~** садои гуфтугу, ғалоғулаи овозҳо // *перен.* чағар-чуғур; шаввос, шавшув; **птичий ~** чағар-чуғури мурғон; **~ волн** шавшуви мавчҳо 2. *прост.* (*молва, слухи*) овоза, гапу гапча, гапу калоча 3. тарзи талаффуз (гуфтор); **у него не русский ~** тарзи талаффузи у русӣ нест 4. *лингв.* шева, лаҳча; **южные ~ы таджикского языка** шеваҳои чанубии забони тоҷикӣ

говорение *с* (*по знач. гл.* **говорить** 1, 2, 4) гапзанӣ, сухангӯӣ

говорильня *ж разг. пренебр.* бозори гап, гапхона

говор||ить *несов.* 1. гап задан, харф задан; **ребёнок уже ~ит** бача ба гап даромад, бача забон баровард; **свободно ~ить по-таджикски** ба [забони] тоҷикӣ бемалол гап задан 2. *что, о ком-чём и без доп.* гуфтаи, сухан рондан, гап задан; **~ить правду** ҳақиқатро (гапи ҳақро) гуфтан; **~ить с увлечением** бо шавку завк сухан рондан (гап задан); **он ~ит, как оратор** ӯ нотик барин гап мезанад; **~ить речь** нутк кардан; **закон ~ит, что...** конун мегӯяд, ки...; дар конун гуфта шудааст, ки...; **надпись ~ит, что...** хат далолат мекунад, ки... 3. *кому-чему перен.* гувоҳӣ додан; **инстинкт ~ит ему, что...** дилаш гувоҳӣ медиҳад, ки... 4. гуфтугу кардан, гап задан, сӯҳбат (чак-чак) кардан; **~ить между собой** байни худ гап задан // *о ком-чём* муҳокима кардан; **о нём ~ит весь город** тамоми шаҳр вайро муҳокима мекунад // *безл.* **говорят** *3. л. мн.* мегуянд, ки... 5. нишон (гувоҳӣ, шаҳодат) додан, далолат кардан, фаҳмондан; **это ~ит о его молодости** ин чавонии вайро нишон медиҳад; **цифры ~ят, что...** ракамҳо далолат мекунанд, ки...; **этот факт ~ит сам за себя** ин далел шоҳиди ҳол аст 6. *в ком перен.* зоҳир (намоён) шудан; **в ней ~ит мать** дар вай хислати модарӣ зоҳир мешавад: **в нём ~ило честолюбие** дар рафтори у иззатталабӣ зоҳир мешуд ◇ **~ить загадками** бо рамз сухан гуфтан, киноямез гап задан; **~ят (~ю) вам (тебе)!** ба шумо (ба ту) мегӯянд (мегуям)! [и] **не ~и!**, [и] **не ~ите!** рост мегӯӣ, рост мегӯед, албатта!; **вообще ~я** *вводн. сл.* умуман гӯем, умуман; **иначе ~я** ба тарзи дигар гӯем; **нечего ~ить** худ аз худ маълум, равшан (аён) аст; **не ~я уже** *о ком-чём* илова бар ин ки...; ...он тараф истад; **не ~я худого (дурного) слова** ягон гапи ганда нагуфта; **ничего (ни слова) не ~я** харфе назада, ҳеч чиз нагуфта; **по правде ~я** *в знач. вводн. сл.* ҳаққашро (росташро) гӯям (гуем); рости гап (гапи ҳақ); ҳамин ки; **по совести ~я** *в знач. вводн. сл.* аз рӯи вичдон гӯем, кушоду равшан гӯем; **собственно ~я** *в знач. вводн. сл.* рости гап ҳамин ки ...; дар ҳақиқат; **что и ~ить!** дуруст аст!, албатта!, шубҳае нест!; **что вы ~ите (ты ~ишь)?!** наход?!; **что (как) ни ~и** ҳар чи ҳам бошад, ба ҳар ҳол, ба ҳеч чиз нигоҳ накарда; **у кого что болит, тот о том и ~ит** ≈ *посл.* ҳар кас аз дарди худ менолад

говорит||ься *несов.* 1. гуфта шудан, баён (накл) карда шудан 2. *страд.* гуфта шудан, сухан ронда шудан ◇ **как ~ся** *в знач. вводн. сл.* чунон ки (чӣ тавре ки) мегӯянд, чӣ тавре кн гуфта мешавад

говорливость *ж* серчоғӣ, сергапӣ, пургуӣ; **он отличается ~ю** ӯ одами серчоғ аст

говорлив||ый, -ая, -ое (говорлив, -а, -о) 1. серчоғ, сергап; пургӯй; **~ая женщина** занаки серчоғ 2. *перен.* шилдирросзананда, шаввосзананда; **~ый ручеёк** чуйчаи шилдирросзананда

говорок *м разг.* 1. (*негромкая речь*) овози (гуфтугӯи, сухани) паст 2. *см.* **говор** 3

говорун *м разг.* одами серчоғ (сергап), лаққӣ

говорунья *женск. к* **говорун**

говядина *ж* гушти гов; **варёная ~** гушти пухтаи гов; **тушёная ~** гушти дампухтаи гов

говяж||ий, -ья, -ье ...и гӯшти гов, ...и гов; **~ий жир** равғани гов; **~ье мясо** гушти гов

Гог, Гога: **Гог и Магог, Гога и Магога, Гог-Магог, Гога-Магога** *уст. разг.* Яъҷуҷу Маъҷуҷ

гогол||ь *м зоол.* бат ◇ **ходить (выступать) ~ем** саллона-саллона гаштан

гоголь-моголь *м* гоголь-моголь (*зардии тухми хом, ки бо шакар, баъзан бо ром омехта мешавад*)

гогот *м* 1. (*гусей*) ғо-ғо, ко-ко 2. *прост.* (*хохот*) коҳ-коҳ, қаҳ-қаҳ

гоготанье *с* ғо-ғо, ко-ко

гоготать *несов.* 1. (*о гусях*) ғо-ғо (ко-ко) кардан 2. *прост.* қаҳқос зада хандидан, қаҳқаҳа задан

гоготун *м прост.* хандончак

гоготунья *женск. к* гоготун

год *м* 1. (**в году, о годе;** *мн.* **годы и года;** *род.* **годов** *и* **лет**) сол; **текущий ~** соли ҷорӣ; **в будущем ~у** [дар] соли оянда; **в прошлом ~у** порсол, порина, соли гузашта; **с такого-то ~а** аз фалон сол; **в тот ~** [дар] ҳамон сол; **~ спустя** баъд аз як сол, баъди як сол, як сол пас; **~ тому назад** як сол пеш 2. (*род. мн.* **лет** *и уст.* **годов**) сол, синну сол; **девочке пять лет** духтарча панҷсола аст; **ему исполнилось три года** у сесола шуд; **быть в ~ах** солхӯрда (солдида) будан; **стар ~ами** синну солаш калон, пир, пиронсол; **войти в ~а** пир шудан; **~ы (~а) вышли** *кому прост.* синнаш ба як ҷо расидааст; **не по ~ам** ба синну сол мувофиқ не 3. (*мн.* **годы**, *род.* **годов**) солҳо; **литература сороковых ~ов** адабиёти солҳои чилум 4. (*мн.* **года, годы**, *род.* **годов**) солҳо, айём, даврон, овон; **~ы войны** солҳои ҷанг; **~ы учёбы** айёми таҳсил; **~ы детства** овони бачагӣ 5. *астр.* сол; **световой ~** соли нур ◇ **високосный ~** соли кабиса; **Новый ~** Соли Нав; **встречать Новый ~** Соли Навро истикбол кардан; **учебный (академический) ~** соли хониш, соли таҳсил; **без году неделя** ду руз нашуда; **год на год не приходится** ҳар сол як хел намешавад, пешбинӣ кардан маҳол аст; **~ от году** сол ба сол, сол аз сол, сол то сол; **за ~** дар зарфи як сол; **из ~а в ~, из году в ~** ҳар сол, сол ба сол; **на ~** ба муддати як сол, яксолина

годами *нареч.* 1. солҳои дароз, чанд сол боз, солҳои сол; **не видеть кого-л. ~** касеро солҳои сол надидан 2. *прост.* баъзе солҳо

годик *м уменьш.-ласк. к* **год** 1

година *ж* 1. *высок.* давра, замон; **~ испытаний** давраи пурмашаққат 2. *уст. книжн.* (*час*) вакт, соат, вакту соат

годит||ься *несов.* [ба] кор омадан, кораям будан, соз (боб) будан; **эта ткань мне не ~ся** ин матоъ барои ман кор намеояд ◇ **~ься в отцы (в матери, в сыновья, в дочери)** падар (модар, писар, духтар) барин (*аз ҷиҳати синну сол*); **куда он ~ся?** вай ба чӣ кор

меояд?; **куда это ~ся?** ин чӣ номаъқулӣ?; **в подмётки ие ~ся** ба кафшаш патак намешавад; **так поступать (делать) ие ~ся** интавр рафтор кардан нағз не

годичн||ый, -ая, -ое яксола, солона; **~ый план** нақшаи яксола ◇ **~ые кольца** *бот.* солҳалка (*ҳалқаҳои чуб, ки аз рӯи онҳо чандсола будани дарахтро муайян кардан мумкин аст*)

годно *нареч.* боб, шоям; **никуда ие ~** нобоб, хеле бад; ношоям; **костюм сшит никуда ие ~** костюм нобоб (хеле бад) духта шудааст

годность *ж* корой, кор омадан(и), боб будан(и); **~ семяи для посева** барои кишт боб будани тухмӣ

годн||ый, -ая, -ое (год|ен, -на, -но) корой, короянда, муносиб, боб, соз; **вода, ~ая для питья** оби нушидани, оби ҳалол; **~ое для заселения место** ҷои манзилбоб; **годен к строевой службе** ба хизмати аскарӣ муносиб; **никуда ие ~ый** ба ҳеҷ дарде даво шуда наметавонад

годовал||ый, -ая, -ое яксола; **~ый ребёиок** кудаки яксола; **~ое вино** шароби яксола (порсола)

годовик *прост. и обл.* ҳайвони яксола

годовой, -ая, -ое 1. солона, яксола, ...и сол; **~ отчёт** ҳисоботи солона; **~ план** нақшаи яксола **2.** *уст.* (*годовалый*) яксола

годовщина *ж* солона, солгард, =солагӣ; ҷашн, ид; **шестидесятая ~ Великой Октябрьской социалистической революции** [ҷашни] шастсолагии Революцияи Кабири Социалистии Октябрь

гол *м спорт.* гол, хол; **забить ~** гол задан

голенаст||ый, -ая, -ое 1. почадароз; **~ая цапля** лаклаки почадароз **2.** *в знач. сущ.* **голенастые** *мн. зоол.* почадарозон (*мисли турна, лаклак ва ғ.*)

голенище *с* соқи муза, соқи маҳсӣ

голеностопный, -ая, -ое: ~ сустав *анат.* буғуми соқу кафи по

голень *ж анат.* соқи по

голец I *м зоол.* голец (**1.** *моҳичаи обҳои ширин* **2.** *моҳии ҷинси лосось*)

голец II *м см.* **гольцы**

голкипер *м спорт.* голкипер, дарвозабон

голландец *м* голландӣ

голландка I *ж* зани (духтари) голландӣ

голландка II *ж разг.* **1.** (*печь*) печкаи голландӣ **2.** *зоол.* модагови голландӣ **3.** *уст.* куртаи матросӣ

голландск||ий, -ая, -ое голландӣ, ...и Голландия; **~ий язык** забони голландӣ ◇ **~ая печь** печкаи голландӣ; **~ий сыр** панири голландӣ

голландцы *мн.* голландиҳо (*аҳолии асосии Нидерландия*)

голов||а *ж* **1.** сар, калла; **седая ~а** сари сафед; **~а болит (трещит)** сар(ам) дард мекунад; **~а кружится** сар чарх мезанад, сар гашта истодааст; **у меня ~а тяжёлая** сарам хум барин; **кивать ~ой** бо сар ишорат кардан; **покачать ~ой** сар ҷунбондан; **дурная ~а иогам покоя ие даёт** *посл.* каллаи бемағз — ҷабри пой // (*единица счёта скота*) сар; **стадо в двести голов** подаи иборат аз дусад сар ҳайвон **2.** *перен.* ақл, хирад, майна, шуур; **у него ясная ~а** вай одами боақл аст, у одами калладор аст; **в его ~е всё перепуталось** майнаи у гиҷ мешуд, сари вай гаранг буд; **этот парень — ~а!** ин ҷавон боақл аст! **3.** *м, ж перен. разг.* сардор, роҳбар, садр; **он всему делу ~а** у сардори ҳамаи корҳост **4.** *м ист.* ҳоким; **городской ~а** ҳокими шаҳр, шаҳрдор **5.** *перен.* (*первые ряды чего-л.*) сар, сафи пеш; **~а колонны** сари колонна **6.** калла; **~а сыру** як калла панир; **сахарная ~а** як калла қанд, каллақанд ◇ **~а садовая** *прост.* каллакаду, каллаварам; **бедовая ~а** *прост.* одами бекалла; **ветреная ~а** одами ҳардамхаёл; **горячая ~а** одами саргарм; **дырявая ~а** *шутл.* одами фаромушхотир; **светлая ~а** одами хирадманд; **~ой выше, на голову выше** як сару гардан болотар; **без ~ы** 1) (*неумный*) одами бекалла 2) (*не обдумав*) бешуурона, беақлона, бефикрона; **в ~ах** болои сар, тарафи сар; **с ~ой** 1) (*умный*) одами доно, одами боақл 2) (*обдуманно*) бошуурона, боақлона; **с ~ы** аз ҳар кас, сари ҳар кас; **с ~ы до ног, с ног до ~ы, с (от) ~ы до пят** [аз] сар то по, саросар, комилан; **через чью-л. голову** ба каси дахлдор нагуфта (нафаҳмонда); **очертя голову** бемулоҳиза, беандеша; **сломя голову** шитобон, саросемавор; **бежать (мчаться) сломя голову** шитобон давидан, саросемавор тохтан; **в первую голову** дар навбати якум, сараввал; **на свою голову** бар зарари худ; **сам себе ~а** худам ба худам хуҷаин; **~а варит** *у кого* кала(аш) кор мекунад; **~а идёт кругом** *чья, у кого* сар гаранг шуда истодааст; **~а пухиет** *у кого* сар варам мекунад; сарам хум барин; **валить с больной ~ы на здоровую** айби худро ба гардани дигарон мондан; **вбить в голову кому-л.** [ақидаеро] ба касе талқин кардан; **вертится в ~е** *у кого* ба нуги забонам (забонат, забонаш) истодааст; **ветер в ~е** *у кого* бодӣ; **взбрести в голову** *кому* ба хаёл омадан; **вскружить голову кому-л.** сари касеро гаранг кардан; **выбросить (выкинуть) из ~ы** *кого-что* аз хотир баровардан; **выдать с ~ой** *кого* сирро фош кардан; **выдать себя с ~ой** сирри худро фош (ошкор) кардан; **вылететь (выскочить) из ~ы** тамоман аз хотир баромадан, тамоман фаромуш шудан; **держать в ~е** дар хотир доштан; **из ~ы вон** аз хотир баромад, фаромуш шуд; **иметь голову на плечах** фаҳм (фаросат) доштан; **кровь бросилась в голову** хун ба сар (ба майна) зад; **кружить голову кому-л.** сари касеро гаранг кардан; **ломать голову** *на чем* майна об кардан; **морочить (дурить) голову** *кому* аҳмақ (саргаранг) кардан, фиребтан; **намылить голову кому-л.** *прост.* сари касеро бе об тарошидан; **нёгде (некуда) голову (~ы) приклонить** ҷои сарпаноҳ нест; **не выходит из ~ы** аз хотир намебароянд, аз ёд намеравад; **не сносить ~ы** *кому* сар ба саломат набурдан; **отвечать ~ой за кого-что-л.** барои касе (чизе) кафил будан; **повесить голову** сар ба зер афкандан, лабу лунҷ овезон кардан; **погрузиться (окунуться, уйти) с ~ой во что-л.** саргарми (ғарқи) коре шудан; **поднять голову** руҳбаланд шудан, зиндадил шудан; **понурить голову** сар хам кардан; **поплатиться ~ой** *за что* сар додан, сари худро қурбон кардан; **посыпать голову пеплом** хок бар сар кардан; **потерять голову** дасту по гум кардан, ақл гум кардан, саргаранг шудан; **прийти в голову** *кому* ба хаёл (ба ёд) омадан, ба хотир расидан; **прийти с повинной ~ой** гуноҳи худро ба гардан гирифтан; **пропала моя ~а!** мурдам акнун!, сари сахтам!; **ручаться ~ой за кого-что-л.** барои касе, коре зомин (кафил) шудан; **свернуть голову кому-л.** *прост.* сари касеро хурдан; **свернуть [себе] голову** сари худро хурдан; **сесть на голову кому-л.** ба гардани касе савор шуда гирифтан; **сложить голову** сар додан, ҷон супурдан, шаҳид шудан; **ходить на ~е** *прост.* бозӣ карда хонаро ба сар бардоштан; **голову даю на отсечение** сад қасам, ки..., сарамро ба гарав медиҳам, ки...; **как снег на голову** якбора; ногаҳон, нохост; **навязался ты на мою голову!** ту ба ман дарди сар шудӣ!; **хоть кол на ~е теши** *кому прост.* гушташро бурда-бурда кунӣ ҳам, аз раҳаш намегардад

голован *м прост. и обл.* каллакалон

головастик *м* **1.** *зоол.* кафлесак **2.** *см.* **голован**

головастый, -ая, -ое (головаст, -а, -о) *прост.* каллакалон

головёнка *ж уменьш. к* **голова** 1

головешка *ж* тарошаи нимсухта

головк||а *ж* **1.** *уменьш.-ласк. к* **голова** 1, 6; **детская ~а** сараки бача; **~а сыра** як калла панир **2.** (*стержня, стебля и т. п.*) сар, калла, қуббача; бех; **булавочная ~а** нуки сарсузан; **маковая ~а** сари кукнор **3.** *мн.* **головки** сарӣ (*дар муза*); **поставить новые ~и** сарии нав задан ◇ **с булавочную ~у** бисьёр майда, сари сузан барин; **гладить по ~е** таъриф кардан, таҳсин гуфтан

головн||ой, -ая, -ое 1. ...и сар, ...и калла; **~ая боль** дарди сар, сардард; **~ой убор** каллапуш, кулоҳ **2.** пешрав, пешгард; **~ой отряд** отряди пешгард **3.** асосӣ; **~ое сооружение** иншооти асосӣ ◇ **~ой мозг** *анат.* майна, мағзи сар

головня *ж* **1.** тарошаи нимсухта **2.** *бот.* (*болезнь злаков*) қарокуя

головокружение *с* саргардӣ, саргарангӣ, сарҷархзанӣ; **она почувствовала ~** сараш чарх зад

головокружительный, -ая, -ое 1. саргарангкунанда, саргардонанда **2.** *перен.* фавқулодда, ҳайратовар; **~ успех** муваффақияти фавқулодда

головоломка *ж* муаммо

головоломн||ый, -ая, -ое мураккаб, пурмуаммо, мушкил, душвор; **~ая задача** масъалаи мушкил

головомойк||а *ж разг.* сарзаниш, танбеҳ, гӯшмол; **задать ~у** танбеҳ додан, сарзаниш кардан; **получить ~у** танбеҳ дидан, гап шунидан

головоног||ий, -ая, -ое: **~ие моллюски** *зоол.* моллюскҳои шикампо // *в знач. сущ.* **головоногие** *мн. зоол.* шикампоҳо

головорез *м разг.* 1. *(бандит)* сарбур, каллабур, одамкуш 2. *(сорвиголова)* шух, безорӣ, шурапушт

головотяп *м разг.* каллаварам

головотяпский, -ая, -ое *разг.* каллаварамона, ...и каллаварам

головотяпство *с разг.* каллаварамӣ

головушка *ж* 1. *разг. ласк. к* **голова** 1, 2; 2. *прост. и фольк. (о человеке)* одами лоубол; **бедная ~** одами бечора (сарсахт); **забубённая ~** *прост.* айёш, чапан

голография *ж физ., тех.* голография *(усули тасвири объект дар асоси таъсири мутақобили мавҷҳо)*

голод *м* 1. гуруснагӣ, гушнагӣ; **терпеть ~** гуруснагӣ кашидан; **чувствовать ~** гурусна мондан; **морить ~ом** гурусна монондан; **умереть с ~у** аз гуруснагӣ мурдан 2. қаҳтӣ, хушксолӣ, гуруснагӣ 3. *перен.* камьёбӣ, ноёбӣ; **книжный ~** камьёбии китоб

голодание *с (по знач. гл.* **голодать**) гуруснагӣ кашидан(и); гуруснамонӣ, гушнагикашӣ

голодать *несов.* 1. гуруснагӣ кашидан 2. аз хурок худдорӣ кардан

голодающий, -ая, -ее 1. *прич.* гуруснагикашанда 2. *прил.* гурусна, гушна 3. *в знач. сущ.* **голодающий** *м*, **голодающая** *ж* [одами] гурусна, гушна

голодно 1. *нареч.* [дар ҳолати] гуруснагӣ (гушнагӣ) 2. *в знач. сказ. безл. кому* гурусна (гушна) аст; **ему было ~** вай гушна буд

голодн||ый, -ая, -ое (голод|ен, -на, -но) 1. гурусна, гушна; **быть ~ым** гурусна будан, гушна мондан; **~ые глаза** чашмони гурусна // *в знач. сущ.* **голодный** *м*, **голодная** *ж* [одами] гурусна, гушна; **сытый ~ого не разумеет** *погов.* шикамсерро чӣ парвои шикамгурусна 2. ...и гушнагӣ, ...и қаҳтӣ; **~ый год** соли гушнагӣ (қаҳтӣ) 3. *разг.* нимсерӣ, камғизо; **~ый обед** хуроки нимсерӣ; **~ая диета** парҳез, парҳезкорӣ

голодовк||а *ж* 1. *разг. см.* **голодание**; 2. гуруснанишинӣ; **объявить ~у** гуруснанишинӣ эълон кардан *(барои изҳори норозигӣ ҳеҷ чиз нахурдан, аз хӯрок рӯ гардондан)*

голодранец *м разг.* луччак, ҷулҳундипуш, жандапуш

голодух||а *ж прост. и обл. см.* **голод** 1 ◇ **с ~и** аз гушнагӣ

гололёд *м*, **гололедица** *ж* яхча, яхбандон; **на дорогах ~** роҳҳо яхча аст

гололёдный, -ая, -ое ...и яхча; ...и яхчабандон

голоногий, -ая, -ое *разг.* 1. *(босой)* пойлуч, побараҳна 2. *(о животных и птицах)* ...и пояш бепашм (бепар)

голопузый, -ая, -ое *прост.* 1. *(о ребёнке)* шикамлуч 2. *перен.* ҷулҳундипӯш, жандапуш; бенаво, бечора

голопятый, -ая, -ое *прост.* пошналуч; ...и ҷуробдарида

голос *м* 1. овоз, садо; **высокий ~** овози баланд; **низкий ~** овози паст; **глубокий ~** овози ишкамӣ; **грудной ~** овози ҷарангосӣ; **птичьи ~а** хониши мурғон; **повысить ~** овозро баланд кардан; дуғ задан; **понизить ~** овозро паст кардан; аз шаст фуромадан 2. *муз.* овоз; **у него есть ~** вай хушовоз аст; **проба ~ов** санҷиши овозҳо; **потерять ~** хиррӣ шудан; **постановка ~а** тарбияи овоз 3. *перен.* ғалоғула, талотум, шаввос, виззос; **~ ветра** виззоси бод; **~ моря** талотуми баҳр 4. *перен.* амр, садо, нидо; **~ рассудка** амри ақл 5. фикр, мулоҳиза, баҳо; **~ масс** фикри омма 6. овоз, раъй; **решающий ~** овози ҳалкунанда; **совещательный ~** овози машваратӣ; **большинством ~ов** бо аксари овозҳо; **подсчёт ~ов** ҳисоб кардани овозҳо; **собрать ~а** овоз ҷамъ кардан ◇ **во весь (в полный) ~** 1) *(громко)* бо тамоми овоз, бо овози баланд 2) *(открыто)* бо дилпурӣ, бо эътимод, муътақидона; **[все] в один ~** ҳама бо як овоз, якдилона; **быть в ~е** нағз хондан; **заговорить другим ~ом** муомиларо (рафторро) дигар кардан; **кричать (визжать, орать и т. п.) дурным ~ом** *прост.* аррос задан; **кричать не своим ~ом** *прост.* сахт (гулу дарронда) фарьёд кашидан; **подать ~** 1) овоз баровардан, «мана ман» гуфтан 2) *за кого* овоз (раъй) додан; **поднять ~** ҳуқуқи худро ҳимоя кардан

голосеменные, **голосемянные** *мн. бот.* лучтухмон

голосистость *ж* хушовозӣ, хушхонӣ

голосистый, -ая, -ое (голосист, -а, -о) 1. хушовоз, хушхон; **~ соловей** булбули хушовоз 2. баланд, ҷарангосӣ

голосить *несов. прост.* 1. *что и без доп.* фарьёд кашидан, аррос задан 2. овоз андохтан, навҳа кардан; **~ по ком-л., над кем-л.** ба касе овоз андохтан, дар сари мурда навҳа кардан

голосишко *м уменьш.-унич. к* **голос** 1, 2 овози борик

голосище *м увел. к* **голос** 1, 2 овози ниҳоят зур

голословно *нареч.* бедалел, беасос, беисбот, бебурҳон; **судить о чём-л. ~** дар бораи чизе беасос муҳокима рондан, бедалел гап задан

голословность *ж* бедалелӣ, беасосӣ, беисбот (бебурҳон) будан(и); **~ утверждения** беасосии иддао

голословн||ый, -ая, -ое (голослов|ен, -на, -но) бедалел, беасос, беисбот, бебурҳон; **~ое заявление** изҳороти беасос

голосование *с* 1. овоздиҳӣ; баовозмонӣ; **открытое ~** овоздиҳии кушод; **тайное ~** овоздиҳии пинҳонӣ; **ставить на ~** ба овоз мондан 2. *разг.* даст бардошта мошинистоёнӣ

голосовать *несов.* 1. овоз додан 2. *что, за кого-что* ба овоз монидан; **~ предложение** таклифро ба овоз мондан 3. *разг.* даст бардошта мошин истоёндан

голосоваться *несов. страд.* ба овоз монда шудан

голосов||ой, -ая, -ое овозӣ, ...и овоз, ...и садо; **~ой аппарат** аппарати овоз; **~ые связки** *анат.* садопардаҳо; **~ая щель** *анат.* роҳи садо *(дар миёни садопардаҳо)*

голотурии *мн. (ед.* **голотурия** *ж)* голотурияҳо *(навъи ҷонварони баҳрии хорпуст)*

голошейй, -яя, -ее гарданкушод, лучгардан

голоштанник *м груб. прост.* 1. нимбараҳна, беэзор *(дар бораи писарбача)* 2. бенаво; камбағал

голоштанный, -ая, -ое *груб. прост.* нимбараҳна, беэзор

голуба *м, ж прост. обращ.* азизам, ҷонам

голубевод *м* кафтардор, кабутарпарвар

голубеводство *с* кафтардорӣ, кабутарпарварӣ

голубеводческий, -ая, -ое ...и кафтардорӣ, ...и кабутарпарварӣ

голубёнок *м* кафтарча, чучаи кафтар

голубе||ть *несов.* 1. *(становиться голубым)* кабудчатоб шудан; **небо ~ет** осмон кабудчатоб шуда истодааст 2. *(виднеться — о голубом)* кабудча тофтан; **вдали ~ли горы** аз дур кӯҳҳо кабудча метофтанд

голубец *м см.* **голубцы**

голубизна *ж* кабудӣ, кабудрангӣ; **~ неба** кабудии осмон

голубика *ж (кустарник)* кабудбутта; *(ягоды)* меваи кабуд

голубин||ый, -ая, -ое 1. ...и кабутар, ...и кафтар; **~ое воркование** ваққар-вуқури кабутарон; **~ая порода** зоти кабутар; **~ая стая** селаи кабутарҳо // *в знач. сущ.* **голубиные** *мн. зоол.* кабутарзотҳо 2. *перен. уст.* ҳалим(она), фурутан, нармдил; **~ая душа** нармдил; **~ая кротость** нармдилӣ

голубить *несов. кого-что фольк.* навозиш (меҳрубонӣ) кардан, дустдорӣ кардан

голубица *ж уст. книжн.* 1. *см.* **голубка** 1; 2. *перен.* бокира, афифа, мастура .

голубка *ж* 1. кабутари мода, модакафтар 2. *разг. ласк. обращ.* ҷонам, ҷонакам

голубоватый, -ая, -ое (голубоват, -а -о) кабудча, кабудтоб, кабудчатоб

голубоглазый, -ая, -ое (голубоглаз, -а, -о) кабудчашм, чашмкабуд

голуб||ой, -ая, -ое, кабуд, осмонӣ, обиранг; **~ые глаза** чашмони кабуд; **~ое небо** осмони кабуд; **~ой цвет** ранги кабуд ◇ **~ая кровь** асилзода; **~ой песец** рубоҳи шимолии кабудпашм

голубок *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **голубь**; **белый ~** кафтарчаи сафед 2. *см.* **голубь** 2

голу́бушка *ж см.* **голу́бка 2**

голубцы *мн* (*ед.* **голубе́ц** *м*) *кул.* дулма

голу́бчик *м разг. ласк. обращ.* азизам, ҷонакам

го́луб||ь *м* 1. кабӯтар, кафтар; **сизый ~ь** кафтари кабуд; **почто́вые ~и** кабутарҳои номабар; **неви́нный как ~ь** мусичаи бегуноҳ; **гонять ~е́й** кафтарбозӣ кардан 2. *прост. ласк. обращ.* ҷони ширин, азизам ◇ **~ь ми́ра** кабутари сулҳ

голубя́тина *ж* гушти кафтар

голубя́тник *м* 1. кафтарбоз 2. шоҳин, боз 3. *разг. см.* **голубятня**

голубя́тня *ж* кафтархона

го́л||ый, -ая, -ое (гол, -а́, голо) 1. луч, бараҳна, урьён, лухт; **~ые руки** дастони луч; **~ая спина́** тахтапушти бараҳна 2. *перен. разг.* бенаво, қашшоқ; **гол как соко́л** *погов.* луб-луч, бенаво, камбағал 3. бемуй, бебарг, бегиёҳ; **~ые ве́тви дере́вьев** шохаҳои бебарги дарахтон; **~ая голова́** сари бемуй; **~ая земля** замини бегиёҳ; **~ая степь** дашти ҳомун 4. холӣ, бекурпа, бепалос, бедастархон; **~ый стол** мизи холӣ; **спать на ~ом полу́** дар руи фарши бепалос хобидан 5. *тк. полн. ф. разг.* тоза, соф; **~ый спирт** спирти соф 6. *перен. разг.* холис, хушку холӣ; **~ая и́стина** ҳақиқати маҳз (холис); **~ые факты** фактҳои хушку холӣ; **~ые цифры** рақамҳои хушку холӣ ◇ **~ая зима** зимистони бебарф; **~ый провод** сими луч; **~ая са́бля** шамшери бараҳна; **~ая соль** бисьёр шур; **~ые сте́ны** деворҳои холӣ; **брать (взять) ~ыми рука́ми** осон ба даст даровардан

голытьба́ *ж собир. прост.* лучу урьёнҳо, бенавоён

голы́ш *м* 1. *разг.* бачаи бараҳна 2. (*круглый камень*) санги қайроқ 3. *уст.* (*бедняк*) бараҳна, бенаво

голы́шка *женск. к* **голы́ш** 1

голышо́м *нареч. разг.* бараҳна, луб-луч

голь *ж уст.* 1. *собир.* (*беднота, бедняки*) бараҳнагон, бенавоён; **~ перекатная** қашшоқон, мардуми ниҳоят бенаво 2. замини ҳомун, замини холӣ

го́льды *мн. уст.* гольдҳо; *см.* **нанайцы**

гольё *с* 1. (*части мясной туши*) каллапочаву алудул 2. (*кожа для дубления*) пусти ош додашаванда, пусти даббоғишаванда

гольево́й, -ая, -ое ...и каллапочаву алудул

гольём *нареч. прост.* 1. луб-луч, бараҳна 2. соф, холис, тоза

гольте́па *ж собир. груб. прост.* қашшоқон, бенавоён, пойлучон

гольф *м спорт.* гольф (*навъи туббозӣ*)

го́льфы *мн. разг.* гольф (1. *шими кутоҳи манжетдор* 2. *ҷуроби кутоҳ*)

го́льцы *мн.* (*ед.* **голе́ц** *м*) *обл.* адирҳо, қирҳо

голяко́м *нареч. прост.* луб-луч, бараҳна

голя́шка *ж прост.* и *обл.* соки по

гомеопа́т *м* гомеопат (*духтури бо усули гомеопатия муолиҷакунанда*)

гомеопати́ческ||ий, -ая, -ое 1. ...и гомеопатия; гомеопатӣ; **~ая апте́ка** дорухонаи гомеопатӣ; **~ие лека́рства** доруҳои гомеопатӣ 2. *перен.* хеле кам, андак, ночиз; **~ая до́за** миқдори хеле кам

гомеопа́тия *ж* гомеопатия (*усули муолиҷа*)

гомери́ческий, -ая, -ое: **~ смех (хо́хот)** хандан осмонкаф

гомо: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «баробар», «монанд» ва «якҷинса»:* **гомоге́нный** гомогенӣ, якҷинса, якхела

гомоге́нность *ж* якҷинсӣ, якхела

гомоге́нный -ая, -ое гомогенӣ, якҷинса, якзотӣ

гомологи́ческий, -ая, -ое *биол.* ...*и* гомология, гомологӣ

гомологи́чн||ый, -ая, -ое *биол.* гомологӣ, якхела, яксон; **~ые о́рганы** узвҳои гомологӣ

гомоло́гия *ж биол.* гомология (*ба ҳам монандии узвҳое, ки аз ҷиҳати пайдоиш, сохт, инкишоф якхел буда, вазифаҳои гуногунро адо мекунанд*)

го́мон *м разг.* ғалоғула, мағал; **пти́чий ~** чирик-чириқи мурғон; **в кла́ссе стои́т шум и ~** дар синф ғавғою мағал ҳукмфармост

гомони́ть *несов. разг.* баланд гап задан, ғалоғула кардан

гомо́рра: **садо́м и ~** Оду Самуд (1. *мувофиқи ривояти Таврот ду шаҳрест, ки ба сабаби бадкории аҳли онҳо худо ин шаҳрҳоро гуё чаппагардон кардааст ва ба болои онҳо борони сангу оташ рехтааст; маҷозан ба маънои бесарусомонӣ, даҳшат, фалокат* 2. *фисқу фасод, фисқу фуҷур*)

гомосексуали́зм *м* гомосексуализм (*майли шаҳвонии ғайритабиии мард ба мард, зан ба зан*)

гомосексуа́льный, -ая, -ое ...и гомосексуализм, гомосексуалӣ

гомофони́ческий, -ая, -ое *муз.* ...и гомофония, гомофонӣ

гомофо́ния *ж муз.* гомофония (*навъи мусиқии бисьёровоза, ки дар зимни он як овоз асосӣ буда дигар овозҳо ба он ҷур карда мешаванд*)

гому́нкул *м* гомункул (*инсоне, ки вайро аз руи тасаввуроти хаёлии кимьёгарони асри миёна бо роҳи сунъӣ ба вуҷуд овардан мумкин будааст*)

гому́нкулус *м см.* **гому́нкул**

гон *м* 1. (*по знач. гл.* **гнать** *и* **гна́ться**) 1) рондан(и), ҳай кардан(и); **~ стада** ҳай кардани пода 2. *охот.* бо саг дунболагирӣ кардан(и) 3. *зоол.* ба гушн омадан(и); **~ волко́в** ба гушн омадани гургон 4. (*длина участка, пашни и т. п.*) тули мазраа 5. *охот.* шикоргоҳ, сайдгоҳ; **бобро́вые ~ы** шикоргоҳи кундузҳо

гонг *м* гонг (*асбоби мусиқии лаълишакли мисин*)

гондо́ла *ж* гондола (1. *номи як хел қаиқи венециягӣ* 2. *ав.* *сабади дирижабль, аэростат ва ё стратостат* 3. *ж.-д. вагони болокушодаи боркаш, ки бароӣ борфурорӣ дар такаш шикоф дорад*)

гондолье́р *м* гондоларон

гондолье́ра *ж* гондольера (*суруди гондоларонҳои Венеция*)

гоне́ни||е *с* таъқиб, дунболагирӣ; **подверга́ться ~ям** таъқиб [карда] шудан ◇ **~е судьбы́** қисмати шум

гоне́ц *м* 1. қосид, чапар 2. *охот.* саги тозӣ

гонио́метр *м* гониометр, зовиясанҷ, гуниё

гониоме́трия *ж мат.* гониометрия (*қисми тригонометрия*)

гони́тель *м* таъқибкунанда

го́нк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **гнать** *и* **гна́ться**) пеш (ҳай) кардан(и), рониш; таъқиб кардан(и), дунболагирӣ 2. *разг.* даводав, саросемагӣ, шитобкорӣ; **не допуска́ть ~и в рабо́те** дар кор ба шитобкорӣ роҳ надодан 3. *чаще мн.* **го́нки** *спорт.* пойга, мусобиқа; **автомоби́льные ~и** пойгаи автомобильронӣ; **лы́жная ~а** пойгаи лыжатозон 4. *охот.* суркунӣ, дунболагирӣ 5. *обл.* (*сплав по реке*) салронӣ; (*плот*) сал, амад ◇ **~а вооруже́ний** мусаллаҳшавии бошитоб; **зада́ть ~у** *кому прост.* танбеҳ додан

го́нк||ий, -ая, -ое (го́н|ок, -ка́, -ко) 1. *охот.* тездав, тозӣ; **~ая соба́ка** саги тозӣ 2. *прост. и обл.* (*о лодке*) тезгард 3. *лес.* зудсабзанда (*дар бораи дарахт*)

го́нкость *ж лес.* зудсабзандагии дарахт

гонобо́бель *м см.* **голуби́ка**

гоноко́кк *м мед.* гонококк (*микроби сузок*)

го́нор *м* 1. *разг.* ғурур, такаббур, ҳавобаландӣ; **челове́к с ~ом** одами ҳавобаланд 2. *уст.* номус, шаън, қадру қимат

гонора́р *м* ҳаққи қалам; **авторский ~** ҳаққи таълиф

гонора́рный, -ая, -ое ҳаққи қалам

гоноре́йный, -ая, -ое *мед.* ...и сузок, сузокӣ

гоноре́я *ж мед.* сузок

го́ночный, -ая, -ое ...и пойга; **~ автомоби́ль** автомобили пойга

гонт *м стр.* гонт (*тахтачаҳои бомпушонӣ*); **кры́ша из ~а** боми гонтпуш

гонча́р *м* кулол, кузагар

гонча́рн||ый, -ая, -ое кулолӣ, сафолӣ, ...и кузагарӣ; **~ые изде́лия** маснуоти сафолӣ; **~ый промысел** кулолӣ

гонча́рня *ж* дукони кулолӣ, коргоҳи кузагарӣ

гонча́рский, -ая, -ое ...и кулол, ...и кузагар

гонча́рство *с* кулолӣ, кӯзагарӣ

го́нч||ий, -ая, -ее *охот.* шикорӣ, тозӣ, тездав; **~ая соба́ка** саги шикорӣ || *в знач. сущ.* **го́нчая** *ж* саги тозӣ; **ста́я ~их** галаи сагони тозӣ

го́нщик *м* 1. *спорт.* пойгачӣ; **~-велосипеди́ст** велосипедрони пойгачӣ 2. подабон, чупон 3. *обл.* салкаш, амадрон

гоньба́ ж 1. *прост. (по знач. гл.* **гнать** 1, 2 *и* **гнаться** 1) рондан(и), давоидан(и), тозондан(и) 2. *охот.* таъқиб, дунболагирӣ, сур кардан(и)

гоня́ть *несов.* 1. *см.* **гнать** 1—4; ~ **на почту** ба почта бисьёр даву тоз кардан 2. *кого-что разг.* овора кардан 3. *кого перен. разг. (напр. на экзамене)* бисьёр савол додан, такпурсӣ кардан; ~ **по всему́ ку́рсу** дарсро як ба як пурсида имтиҳон кардан ◇ ~ **голубе́й** кафтарбозӣ кардан; ~ **ло́дыря** *прост.* даигосагӣ кардан; **соба́к** ~ *прост.* танбалӣ кардан; ~ **чай** *прост.* чойнушӣ кардан; **куда́ Мака́р теля́т не гоня́л** пушти кӯҳи Қоф

гоня́ться *несов.* 1. *см.* **гнаться** 1,2; 2. *с кем-чем уст.* пойга кардан ◇ ~ **за двумя́ за́йцами** аз ин монда, аз вай ронда

гоп *межд.* ҳуп; **не говори́ «гоп», пока́ не перепры́гнешь** *посл.* ≈ нашумурда «*нуҳ*» нагу

гопа́к *м* гопак (*рақси халқии украинӣ ва мусиқии он)*

гопля *межд.* ҳуп

гор- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «шаҳр», «шаҳрӣ»:* **горсове́т** совети шаҳрӣ

гор||а́ ж 1. кӯҳ; **верши́ны гор** қуллаҳои кӯҳ // *мн.* **го́ры** *(местность)* кӯҳҳо, кӯҳистон, кӯҳсор; **жить в** ~**ах** дар кӯҳистон зиндагӣ кардан; **прогу́лка в го́ры** сайри кӯҳсор 2. *перен.* туда, ғарам, гала; ~**а́ книг** як туда китоб 3. *в знач. нареч.* **горо́й ту́да-ту́да,** туб-туб; **накла́дывать** ~**о́й** лаб-лаб кардан, моломол кардан ◇ **пир** ~**о́й** базми ҷамшедӣ, базми осмонкаф; **не за** ~**а́ми** он қадар дур нест, наздик аст; **зима́ не за** ~**а́ми** зимистон наздик аст; **идти́ в го́ру** 1) ба мартабае расидан 2) ру ба инкишоф (ба тараққӣ) шудан; **идти́ (кати́ться) под го́ру** таназзул кардан; завол ёфтан; **наде́яться на кого́-л. как на ка́менную го́ру** умеди комил доштан аз касе; **своротить го́ры** кӯҳро талқон кардан; **стоя́ть** ~**о́й за кого́-л.** [ба ҳимояи касе] мисли кӯҳ истодан, балогардони касе шудан; **сули́ть золоты́е го́ры** домани касеро бо чормағзи пуч пур кардан; **как (сло́вно)** ~**а́ с плеч свали́лась** гуё кӯҳе аз душ бардошта шуд

гора́зд, -а, -о *в знач. сказ. с неопр. на что, в чём разг.* қобил аст; **он на всё** ~ ҳар кор аз дасташ меояд; **он на вы́думки** ~ вай бисьёр бало будааст; вай Салими садкора аст; **кто во что** ~ ҳар кию ҳар чӣ

гора́здо *нареч.* хеле, басе, бисьёр; ~ **бо́льше** хеле зиёдтар; ~ **лу́чше** басе хубтар

горб *м* 1. кӯз, куж; *(у животных)* кӯҳон // *прост. (спина)* тахтапушт 2. баландӣ, теппа 3. *в знач. нареч.* **горбо́м** барҷаста, дунг ◇ **свои́м (со́бственным)** ~**ом** бо меҳнати худ, бо дастранҷи худ; **гнуть** ~ араки ҷабин рехтан, пушт хам кардан; **испыта́ть на своём (на со́бственном)** ~**у́** аз сари худ гузаронидан

горба́тить *несов. разг. см.* **го́рбить**

горба́титься *несов. разг. см.* **го́рбиться**

горба́тость ж кузапуштӣ, букрӣ будан(и)

горба́т||ый, -ая, -ое (горба́т, -а, -о) 1. кузапушт, букрӣ; ~**ый челове́к** одами букрӣ // *в знач. сущ.* **горба́тый** *м,* **горба́тая** ж кузапушт, букрӣ; ~**ого моги́ла испра́вит** *посл.* ≈ он чӣ бо шир дарояд, бо ҷон барояд 2. камоншакл, хамида, барҷаста; ~**ый мост** купруки камоншакл

горба́ч *м прост. см.* **горбу́н**

горби́на ж дунгӣ, теппа

горби́нк||а ж *уменьш. к* **горби́на**; **нос с** ~**ой** тутибинӣ

го́рбить *несов. кого-что* қат (хам) кардан; ~ **спи́ну** тахтапуштро хам кардан

го́рбиться *несов.* хам (кузапушт, хамидақомат, буккак) шудан; пуштхамидашудан; **он стал** ~ вай буккак шуда истодааст

горбоно́сый, -ая, -ое (горбоно́с, -а, -о) ...и тутибинӣ; *(о животных)* фукдунг, кужтумшуқ; ~ **конь** аспи фукдунг

горбу́н *м* кузапушт, кужпушт, букрӣ

горбуно́к *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **горбу́н**; 2. *(рыба)* аспакмоҳӣ ◇ **конёк-~** *фольк.* аспчаи кузапушт (хавопаймо)

горбу́нья *женск. к* **горбу́н**

горбу́ша I ж *(рыба)* озодмоҳӣ

горбу́ша II ж с.-х. *(коса)* доси кӯтохдаста

горбу́шка ж гирди (канораи) нон, пуштаки нон

горбы́ль *м тех.* тахтаи сақат, пуштатахта

гордели́во *нареч.* мағрурона, мутакаббирона, бовиқорона

горде́ливость ж мағрурӣ, мутакаббирӣ, ғурур, виқор

горде́лив||ый, -ая, -ое (горде́лив, -а, -о) мағрур, мутакаббир; бовиқорона; ~**ая оса́нка** андоми бовиқорона

горде́ц *м* одами мағрур, (мутакаббир, ҳавобаланд)

гордиев, -а, -о: ~ **у́зел** кори чигил, мушкилот; **разруби́ть (рассе́чь)** ~ **у́зел** гиреҳи корро якбора кушодан

горди́ться *несов.* 1. *кем-чем.* фахр кардан, ифтихор доштан, болидан; ~ **отцо́м** бо падари худ фахр кардан 2. *разг.* ҳавобаландӣ кардан, калонгирӣ (каттагӣ) кардан

го́рдо *нареч.* 1. ифтихормандона, бо ифтихор; ~ **и непрекло́нно** бо ифтихор ва матонат 2. бовиқорона; мағрурона, ҳавобаландона; бо кибру ғурур

го́рдост||ь ж 1. ифтихор, иззати нафс; **с чу́вством** ~**и** бо ифтихор; **он моя** ~**ь** вай мояи ифтихори ман аст; **краса́ и** ~**ь нау́ки** шаъну шараф ва ифтихори илм 2. ғурур, такаббур

го́рд||ый, -ая, -ое (горд, -а́, -о) 1. боифтихор, ифтихорманд; сарбаланд, сарфароз; ~**ый и непрекло́нный челове́к** одами ифтихорманду матин 2. бузург, боазамат, боҳашамат, пуршукӯҳ; бовиқорона; ~**ая по́ступь** рафтори бовиқорона 3. мағрур, ҳавобаланд

горды́ня ж *уст.* ғурур, такаббур

горды́чка *разг. женск. к* **горде́ц**

го́р||е с 1. ғам, ғусса, андӯҳ, кулфат; **неуте́шное** ~**е** андуҳи бепоён 2. мусибат, бадбахтӣ, бало, дарду алам; **его пости́гло большо́е** ~**е** ба сараш мусибати калон омад 3. *в знач. сказ. разг.* вой бар ҳоли...; ~**е тому́, кто...** вой ба ҳоли он касе, ки... ◇ ~**е го́рькое** мусибати ҳалокатасар; ~**е лу́ковое** *шутл.* ноӯҳдабаро, ношуд; **пода́вленный** ~**ем** мусибатзада, кулфатзада; **уби́тый** ~**ем** ғамзада, аламзада; **и** ~**я ма́ло** *кому* ҳеҷ ғам (парво) надорад, бепарвофалак; **с** ~**ем попола́м** ба зур, ҳарому ҳариш; [и] **смех и** ~**е** ҳам хандаи кас меояд, ҳам гирьяаш; ~**е горева́ть** *прост.* бисьёр ғам хурдан; ~**е мы́кать** *прост.* азоб кашидан; **зави́ть** ~**е верёвочкой** *прост.* ғаму ғуссаро аз дил дур кардан; **помо́чь** ~**ю** аз душворӣ халос кардан; дар рузи дармондагӣ дасти ёрӣ дароз кардан; **хлебну́ть (хвати́ть)** ~**я** *прост.* азият кашидан, азоби бисьёре кашидан

го́ре- *ирон. қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «бад», «бекора»:* ~**-охо́тник** шикорчии ношуд

горе́ *нареч. уст. книжн. (вверх, ввысь)* ба боло, ба баландӣ, ба фароз; **возвести́ о́чи** ~ ба боло назар афкандан

горева́ть *несов.* 1. ғам хурдан, ғусса хӯрдан; **не тоску́й, не горю́й** зиқ машав, ғусса махур 2. *о ком-чём и без доп.* афсус хурдан, андӯҳгин шудан; ~ **о чьей-л. сме́рти** аз марги касе андӯҳгин шудан 3. *прост.* азоб (мӯхтоҷӣ, қашшоқӣ) кашидан ◇ **го́ре** ~ *прост.* бисьёр ғам хӯрдан

горе́лка ж сархона; ~ **при́муса** сархонаи примус

горе́лки *тк. мн.* дор-доракон *(як навъ бозии бачагон)*; **игра́ть в** ~ дор-доракон бозӣ кардан

горе́л||ый, -ая, -ое 1. сухта, сухтагӣ; ~**ый хлеб** нони сухта // *в знач. сущ.* **горе́лое** *с* сухта; **па́хнет** ~**ым** буи сӯхта меояд 2. *кож.* пусида, тосида; ~**ые ко́жи** чарми пусида

горелье́ф *м* горельеф *(тасвири муқарнас)*

горелье́фн||ый. -ая, -ое ...и горельеф; ~**ое изображе́ние** тасвири горельеф

горемы́ка *м, ж разг.* сарсахт

горемы́чн||ый, -ая, -ое (горемы́ч|ен, -на, -но) *разг.* бадбахт(она); аламзада; ~**ое житьё** зиндагии бадбахтона

горе́ние *с (по знач. гл.* **горе́ть** 1, 2, 5) сузиш; даргирӣ, алангагирӣ

го́ренка ж *уст. и обл. уменьш. -ласк. к* **го́рница**

го́рестно 1. *нареч.* ғамгинона, андуҳгинона, бо дард; ~ **вздохну́ть** бо дард оҳ кашидан 2. *в знач. сказ.* та-

бох (хузновар, таассуфовар, ғамангез) аст; **его́ положе́ние ~** ҳоли у табоҳ аст

го́рестн||ый, -ая, -ое (го́рест|ен, -на, -но) 1. ғамгин, маҳзун, андӯҳгин, пуралам, ҳузномез; **~ые мину́ты** дами пуралам; **~ая улы́бка** табассуми ҳузномез 2. *(жалкий, плачевный)* таассуфангез, ғамангез; **~ая у́часть** бахти хуфта

го́рест||ь *ж* 1. андӯҳ, ғам, ғусса 2. *мн.* **го́рести** бадбахтиҳо, мусибатҳо; **~и и ра́дости** ғаму шодӣ

гор||е́ть *несов.* 1. сухтан, аланга задан; **жа́рко ~я́т дрова́** ҳезум лангас зада месузад 2. *разг.* алав доштан, тафсидан; **тану́р ~и́т** танӯр тафсон аст 3. даргирифтан, рушноӣ додан, нур афшондан; **ла́мпа ~и́т** чароғ даргирифтааст 4. дурахшидан, барқ задан, ҷило додан; **ку́пол ~и́т на со́лнце** гунбаз аз партави офтоб ҷило медиҳад; **глаза́ его́ ~я́т** чашмони у барқ мезананд 5. сухтан, сузиш кардан; **~е́ть в лихора́дке** аз таб сухтан; **ра́на ~и́т** ҷароҳат сузиш мекунад 6. сурх шудан, суп-сурх шудан; **он ~е́л от стыда́** аз хиҷолат суп-сурх шуда буд 7. *на ком-чём разг.* зуд кӯҳна шудан, зуд аз тан афтодан *(дар бораи либос, пойафзол)*; **на иём всё ~и́т** сару либоси вай зуд аз тан меафтад 8. *обл.* тосидан, пусидан; **се́но ~и́т в стога́х** беда дар ғарамҳо мепусад ◇ **де́ло ~и́т в рука́х** *у кого, чьих* кор ба дасти кордон аст; **душа́ ~и́т** дил беқарор аст, дил дар туғьён аст; **~е́ть жела́нием** иштиёқманд будан; **~е́ть на рабо́те** ба кор иштиёқ доштан; **земля́ ~и́т под нога́ми** *кого, у кого* мурғи посӯхта барин гаштан; гурехтанӣ шудан; **не ~и́т** кори таъҷилӣ нест; **на во́ре ша́пка ~и́т** *погов.* тоқии дузд сӯхт

го́рец *м* кӯҳистонӣ

горе́ц *м бот.* торонак

гореча́вка *ж бот.* парпӣ

го́речь *ж* 1. *(о вкусе)* талхӣ, тундӣ; **~ полы́ни** таъми талхи явшон; **~ во рту́** талхии даҳан 2. *перен.* алам, ҳасрат, дард; **~ разлу́ки** дарди фироқ

горже́т *м* горжет *(гарданпечи муина)*

горже́тка *ж уст. см.* **горже́т**

горздравотде́л *м* шуъбаи нигаҳдории тандурустии шаҳр

горизо́нт *м* 1. уфуқ; фазо, осмон; **со́лнце подняло́сь над ~ом** офтоб дар уфуқ баланд шуд; **ви́димый ~** доираи намоёни уфуқ 2. *перен.* савияи дониш, доираи назар; **у́мственный ~** савияи дониш 3. *мн.* **горизо́нты** *перен.* имкониятҳо, роҳҳо; доираи амал; **открыва́ются но́вые ~ы в нау́ке** дар пеши илм имкониятҳои нав пайдо мешаванд 4. *гидр.* сатҳ; **~ воды́** сатҳи об 5. *геол.* қабат ◇ **исче́знуть с ~а** *кого, чьего* ғоиб шудан; **появи́ться на ~е** *кого, чьём* пайдо шудан; намудор гардидан

горизонта́л||ь *ж* 1. хати уфуқӣ *(хати росте, ки ба сатҳи уфуқ мувозӣ аст)*; **по ~и** бо хати уфуқӣ 2. *геод.* горизонталь *(хате, ки дар харита нуқтаҳои маҳалҳои дар як баланди воқеъбударо пайваст мекунад)*

горизонта́льно *нареч.* ба таври уфуқӣ

горизонта́льность *ж* уфуқӣ, уфуқӣ будан(и)

горизонта́льн||ый, -ая, -ое (горизонта́|лен, -льна, -льно) уфуқӣ, ...и уфуқ; **~ая ли́ния** хати уфуқӣ; **~ое положе́ние** ҳолати уфуқӣ

гори́лка *ж обл.* горилка, арақ

гори́лла *ж* горилла *(калонтарин маймуни одамшакл)*

горисполко́м *м* комиҷроияи шаҳрӣ, комитети иҷроияи шаҳр

гори́стость *ж* кӯҳсор будан(и)

гори́ст||ый, -ая, -ое (гори́ст, -а, -о) кӯҳистонӣ, ...и кӯҳсор, ...и кӯҳистон; **~ый бе́рег** кӯҳсоҳил; **~ая ме́стность** [маҳалли] кӯҳсор

горихво́стка *ж зоол.* нору

горицве́т *м бот.* адрасмон, испарак

го́рка *ж* 1. *уменьш. к* **гора́** 1, 2; 2. *(для посуды)* ҷевони зарф 3. *с.-х.* горка *(мошини ба навъҳо ҷудо кардани ғалла)* ◇ **~ сортиро́вочная** *ж.-д.* тақсимтеппа *(теппачаи махсуси станцияи роҳи оҳан барои васл ё ҷудо кардани вагонҳо ва поездҳо)*; **кра́сная ~** *уст.* ҳафтаи аввали баъди иди писҳо, айёми тӯю сур

го́ркн||уть *несов.* талх шудан; **ма́сло ~ет** равған талх мешавад

горко́м *м* комитети шаҳрӣ

горко́мовский, -ая, -ое *разг.* ...и комитети шаҳрӣ

горла́н *м прост.* арроси, шавқунчи

горла́нить *несов. что и без доп. прост.* шавқун кардан, наъра задан, гулу дарронда хондан; **~ пе́сню** гулу дарронда суруд хондан

горла́стый, -ая, -ое (горла́ст, -а, -о) *прост.* 1. баландовоз; **~ петý́х** хуруси баландовоз 2. ҷанҷолӣ

го́рлинка, го́рлица *ж (дикий голубь)* мусича, қумрӣ; **мохноно́гая ~** мусичаи парпо; **ворко́вать го́рлицей** мисли қумрӣ вақар-вуқур кардан

го́рл||о *с* 1. гулу, ҳалқ; **боле́зни ~а** дардҳои гулӯ; **в ~е пересо́хло** ҳалқ қоқ шуд 2. даҳан, гардан; **~о буты́лки** гардани шиша 3. гулугоҳ; **~о Бе́лого мо́ря** гулугоҳи баҳри Сафед ◇ **дыха́тельное ~о** *анат.* хирной, нои (роҳи) нафас; **по ~о** 1) *(до горла)* то гардан 2) *(очень много)* ниҳоят бисьёр; **дел у меня́ по ~о** корам ниҳоят бисьёр; **по ~о в долга́х быть (сиде́ть)** *прост.* ба карз ғутидан; **сыт по ~о** 1) бисьёр сер 2) *чем (с избытком, достаточно)* басанда, кифоя; безор; **он по ~о сыт** *чем* безор аст; **взять ~ом** *прост.* бо доду фарьёд ба мақсад расидан; **взять за ~о** *кого-л. прост.* аз гулуи касе гирифтан, касеро ба коре маҷбур кардан; **драть (рвать) ~о** *прост.* аррос (наъра) задан, гулу даррондан; **дерёт ~о** гулӯро месузонад; **заткну́ть ~о** *кому́-л. прост.* даҳани касеро бастан; **крича́ть во всё ~о** *прост.* гулу дарронда дод задан; **наступи́ть на ~о** *кому́-л.* ҷони касеро ба ҳалқаш оварда (оварондан); **не ле́зет в ~о** дилам намекашад, хоҳиши хурдан надорам; **приста́ть с ножо́м к ~у** *прост.* аз гулу гирифтан, ба ҷон расондан, мисли кана часпидан; **промочи́ть ~о** ҳалқ тар кардан, камтар нушидан; **стать (встать) попе́рёк ~а** *кому* дилбазан шудан, ба ҷон расондан; **клубо́к (комо́к) в ~е стои́т (застря́л), клубо́к (комо́к) подступи́л (подкати́лся) к ~у** аз ҳаяҷон гулугир шуд; ҳаяҷон роҳи нафасро гирифт; **кусо́к в ~о не идёт (не ле́зет)** аз гулӯ чизе намегузарад; **не в то ~о попа́ло** *прост.* ба гулу дармонд, ба гулу парид; **слёзы подступа́ют к ~у** гирья гулугир мекунад; **слова́ застря́ли у него́ в ~е** *прост.* гапи у дар даҳонаш монд

горлови́на *ж* даҳана; **~ вулка́на** даҳанаи вулкан // *(узкий проход)* таигно

горлов||о́й, -ая, -ое...и гулу, ... и ҳалқ; ҳалқӣ; **~ы́е боле́зни** дардҳои (касалиҳои) гулу // *(о голосе)* гушхарош; **~о́й го́лос** овози гушхарош

горлодёр *м прост.* 1. *(крикун)* арросӣ, шавқунчи 2. *(о едком табаке, крепком вине и т. п.)* гулусуз, талху тез; **таба́к-~** тамокуи гулӯсӯз

горлопа́н *м см.* **горла́н**

го́рлышко *с* 1. *уменьш.-ласк. к* **го́рло** 1; 2. даҳан, гардан; **~ буты́лки** даҳани шиша

гормо́н *м физиол.* гормон *(моддае, ки ғадудҳо ҷудо карда ба таркиби хун медароранд)*

гормона́льный, -ая, -ое *физиол.* ...и гормонҳо, гормондор; **~ препара́т** доруи гормондор

гормо́нный, -ая, -ое *физиол.* ...и гормонҳо, гормонӣ

горн I *м тех.* кура, дош; **кузне́чный ~** кураи оҳангарӣ

горн II *м (духовой инструмент)* шайпур

го́рний, -яя, -ее *уст. поэт.* ...и арш, ...и фалак, ...и осмон; олӣ, баланд

горни́ло *с уст.* 1. *см.* **горн** I; 2. *перен.* санҷиш, озмоиш, имтиҳон; **~ испыта́ний** озмоишгоҳ

горни́ст *м* шайпурнавоз

го́рница *ж* 1. *уст. (комната)* хона 2. *обл.* меҳмонҷо *(дар манзили деҳқонон)*

го́рничная *ж* хизматгорзан, чурӣ, пешхизмат; **~ в гости́нице** пешхизмати меҳмонхона

горно: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «кӯҳ», «маъдан»*: **горнодобыва́ющий** ...и истихроҷи маъдан

горново́й, -а́я, -о́е 1. ...и кура, ...и дош; **~ инструме́нт** асбоби кура 2. *в знач. сущ.* **горново́й** *м* курагар

горновщи́к *м* курагар

горнодобыва́ющ||ий, -ая, -ее ...и истихроҷи маъдан; **~ая промы́шленность** саноати истихроҷи маъдан

горнозаво́дский, -ая, -ое ...и саноати маъдан; **~ райо́н** ноҳияи саноати истихроҷи маъдан

горнозаво́дчик *м ист.* соҳиби заводи (саноати) истихроҷи маъдан

горнолы́жник *м* лыжатози кӯҳгард

горнолы́жный, -ая, -ое ...и лыжато-

зии кӯҳӣ; ~ **спорт** спорти лыжатозии кӯҳӣ

горнопромы́шленный, -ая, -ое ...и саноати кӯҳкорӣ

горнопрохо́дческ||ий, -ая, -ое ...и кӯҳкорӣ; ~**ие рабо́ты** кӯҳкорӣ

горнопрохо́дчик *м* кӯҳкор

горнорабо́чий *м* кӯҳкор

горнору́дный, -ая, -ое ...и истихроҷи маъдан

горноспаса́тель *м* кӯҳбон *(касе, ки одамони дар кӯҳсор фалокатзадаро наҷот медиҳад)*

горноспаса́тельн||ый, -ая, -ое ...и кӯҳбон; ~**ые рабо́ты** кӯҳбонӣ; ~**ое обору́дование** ҷиҳози кӯҳбонӣ

горноста́й *м* қоқум; *(мех)* пусти қоқум

го́рн||ый, -ая, -ое 1. ...и кӯҳистон, ...и кӯҳ, кӯҳӣ, кӯҳистонӣ; ~**ый во́здух** ҳавои кӯҳистон; ~**ая река́** дарьёи кӯҳӣ; ~**ая страна́** кӯҳистон, мамлакати кӯҳӣ; ~**ый хребе́т** қаторкӯҳ; ~**ые лы́жи** лыжаҳои кӯҳгардӣ; ~**ые поро́ды** ҷинсҳои кӯҳӣ, маъданҳо; ~**ый хруста́ль** булури кӯҳӣ 2. кӯҳкорӣ; ~**ая промы́шленность** саноати кӯҳкорӣ; ~**ый инжене́р** инженери кӯҳкорӣ ◇ ~**ая боле́знь** дарди кӯҳпаймоӣ *(ҳолати дардмандонае, ки дар вақти ба баландӣ баромадан пайдо мешавад)*; ~**ый лён** *мин.* пахтасанг

горня́к *м разг.* 1. *см.* **горнорабо́чий**; 2. инженери кӯҳкорӣ

горня́цкий, -ая, -ое ...и кӯҳкан, ...и коргари саноати кӯҳкорӣ

го́род *м* 1. шаҳр; **гла́вный** ~ шаҳри марказӣ, шаҳри асосӣ; **областно́й** ~ шаҳри марказии вилоят // *разг. (о жителях)* тамоми шаҳр, аҳли шаҳр; **весь** ~ **говори́т об э́том** тамоми (аҳли) шаҳр дар ин бора гап мезананд 2. *ист.* қалъа, ҳисор 3. *спорт.* хона, марра ◇ ~**-геро́й** шаҳри қаҳрамон; **за́ городом** дар беруни шаҳр; **ни к селу́ ни к** ~**у** тамоман бемаврид, беҷо, ночаспон

городи́ть *несов. что* 1. *обл.* иҳота кардан, девор (тавора) кашидан 2. *прост.* гапи бемаънӣ гуфтан; ~ **чепуху́** гапи беҳуда гуфтан ◇ **огоро́д** ~ аз барф манора сохтан

городи́ще *с* 1. *увел. к* **го́род** 1 шаҳри калон 2. *археол.* димна

городки́ *мн. (ед.* **городо́к** *м)* 1. городки *(навъи бозии спортӣ)*; **игра́ть в** ~ городки бозӣ кардан 2. *(рюхи)* чиллаки городки

городни́чество *с ист.* шаҳрдорӣ

городни́чий *м ист.* шаҳрдор, ҳокими шаҳр

городово́й I, -а́я, -о́е *уст.* ...и шаҳр, шаҳрӣ

городово́й II *м ист.* городовой *(мансаби поёнии полицияи шаҳр)*

городо́к I *м* 1. *уменьш. к* **го́род** 1; **небольшо́й** ~ шаҳрак, қасаба 2. шаҳрча; **вое́нный** ~ шаҳрчаи ҳарбиён

городо́к II *м см.* **городки́**

городо́шник *м* городкибоз

городо́шн||ый, -ая, -ое ...и городки, ...и городкибозӣ; ~**ое по́ле** майдони городкибозӣ

городск||о́й, -а́я, -о́е 1. шаҳрӣ, ...и шаҳр; ~**о́е населе́ние** аҳолии шаҳр; ~**о́й Сове́т наро́дных депута́тов** Совети депутатҳои халқии шаҳр; **основно́й** ~**о́й жили́щный фонд** фонди асосии биноҳои истиқоматии шаҳр 2. *в знач. сущ.* **городско́й** *м*, **городска́я** *ж прост.* сокини шаҳр

городьба́ *ж обл.* 1. *(по знач. гл.* **городи́ть** 1) иҳота кардан(и), девор (тавора) кардан(и) 2. девор, тавора, панҷара

горожа́нин *м* шаҳрӣ, аҳли шаҳр, шаҳрнишин

горожа́нка *женск. к* **горожа́нин**

гороно́ *м нескл.* (городско́й отде́л наро́дного образова́ния) шӯъбаи шаҳрии маорифи халқ

горообразова́ние *с* пайдоиши кӯҳ, кӯҳпайдошавӣ

горообразова́тельный, -ая, -ое ...и пайдоиши кӯҳ

горо́скоп *м* фолнома

горо́х *м* нахӯд; **посе́ять** ~ нахӯд коштан ◇ **как об сте́ну** ~ болои тарбуз об рехтагӣ барин; **при царе́ Горо́хе** *шутл.* дар замони Дақьёнус

горо́ховина *ж* нахӯдпоя

горо́хов||ый, -ая, -ое 1. ...и нахӯд, нахӯдӣ; ~**ые стручки́** ғилофакҳои нахӯд; ~**ый суп** нахӯдшӯрбо 2. *(цвета гороха)* нахӯдӣ, нахӯдранг ◇ **чу́чело** ~**ое**, **шут** ~**ый** одами пуч; хандахариш

горо́шек *м* 1. *уменьш. к* **горо́х**; 2. *бот.* мушунг; **души́стый** ~ гули нахӯдак; **зелёный** ~ нахӯди сабз 3. *(на материи)* хол-хол, холак; **пла́тье в** ~ куртаи хол-хол

горо́шина *ж* 1. нахӯддона, донаи нахӯд 2. *(на материи)* нахӯдгул, холак

горо́шинка *ж уменьш. к* **горо́шина**

го́рск||ий, -ая, -ое кӯҳӣ, кӯҳистонӣ, ...и кӯҳнишин; ~**ие племена́** қабилаҳои кӯҳнишин

горсове́т *м* совети (шӯрои) шаҳр

го́рстка *ж разг. см.* **горсть**

го́рсточка *ж уменьш. к* **горсть** кафза, каф, мушт; **чанд** тан (нафар, кас); ~ **смельчако́в** чанд тан ҷасурон

горсть *ж* 1. каф, ҳавуч; **зачерпну́ть** ~**ю** ҳавуч карда гирифтан 2. мушт, кафза; ~ **земли́** як мушт хок 3. *перен.* як чанд, чанд тан (нафар, кас); ~ **храбрецо́в** як чанд тан диловарон

горта́нн||ый, -ая, -ое 1. *анат.* ҳалқӣ, ҳалқумӣ, ...и ҳалқ; ~**ый нерв** асаби ҳалқ 2. *лингв. (о звуках речи)* ҳалқӣ; ~**ые согла́сные** ҳамсадоҳои ҳалқӣ 3. ҳалқумӣ; ~**ый го́вор** талаффузи ҳалқумӣ

горта́н||ь *ж анат.* ҳалқ, ҳалқум ◇ **язы́к прили́п к** ~**и** *у кого* забонаш лол шудааст

горте́нзия *ж бот.* рофа

горча́йший, -ая, -ее *превосх. ст. к* **го́рький** 1

горча́к *м бот.* талха

го́рче *сравн. ст. к* **го́рький** 1 *и к* **го́рько** 1

горчи́нк||а *ж*: **с** ~**ой** *прост.* талхча, тундмаза

горчи́||ть *несов.* андак талхӣ (тундӣ) доштан; **ма́сло** ~**т** равған андак талх аст

горчи́ца *ж* 1. *бот.* хардал 2. орди хардал; **суха́я** ~ хардали суда // *(приправа)* хардал

горчи́чник *м* горчичник; **поста́вить** ~**и** горчичник мондан

горчи́чница *ж* хардалдон

горчи́чн||ый, -ая, -ое ...и хардал; ~**ое се́мя** тухми хардал; ~**ое ма́сло** равғани хардал; ~**ая мука́** орди хардал

го́рше *сравн. ст. к* **го́рький** 2 *и к* **го́рько** 3

горше́чник *м* кулолгар, кулол, кӯзагар

горше́чн||ый, -ая, -ое ...и кӯза, ...и хурма; ...и тубак; ~**ая гли́на** лои кӯза; ~**ая расса́да** кучати тубакӣ

го́рший, -ая, -ее *уст. сравн. ст. к* **го́рький** 2

горш||о́к *м* кӯза, кӯзача, хурма, тубак; хурмача; **вари́ть суп в** ~**ке́** дар хурмача шӯрбо пухтан; **цвето́чный** ~**о́к** гулдон, тубаки гул ◇ **не бо́ги** ~**ки́ обжига́ют** *погов.* ≈ ин кор аз дасти ҳар кас меояд

горшо́чек *м уменьш. к* **горшо́к**

го́рьк||ий, -ая, -ое (го́рек, горька́, го́рько) 1. талх, тунд; ~**ий вкус** мазаи талх (тунд); ~**ий за́пах** бӯи тунду тез; ~**ое лека́рство** доруи талх; ~**ий минда́ль** *бот.* бодоми талх 2. *перен.* аламнок, ғамангез; шум, талх; ~**ая у́часть** толеи шум; ~**ая пра́вда** (йстина) ҳақиқати талх; ~**ие слёзы** ашки сузон; ~**ий смех** заҳрханда 3. *разг.* бадбахт, берузӣ; ~**ий сирота́** ятими берӯзӣ ◇ ~**ая пилю́ля** талхӣ; **проглоти́ть** ~**ую пилю́лю** талхӣ чашидан; ~**ий пья́ница** майзада; **го́ре** ~**ое** мусибати ҳалокатасар; **по [своему́]** ~**ому о́пыту**, ~**им о́пытом**, **на** ~**ом о́пыте** аз рӯи таҷриба[и худ]; **испи́ть (вы́пить)** ~**ую ча́шу до дна́** талхии зиндагиро чашидан; **пить** ~**ую** бадмастӣ кардан; **ху́же** ~**ой ре́дьки** дилбазан, шилқин

го́рько 1. *нареч.* талх, тунд; **осе́нняя степь** ~ **па́хнет полы́нью** дар фасли тирамоҳ аз дашт бӯи талхи явшон меояд 2. *в знач. сказ. безл.* талх аст; **у меня́ во рту** ~ даҳанам талх аст 3. *нареч. перен.* ғамангезона; ~ **пла́кать** хун гиристан, ашки сӯзон рехтан 4. *в знач. сказ. безл. кому* аламнок аст, малолоѣвар аст; алам мекунад; **мне э́то** ~ **и оби́дно слы́шать** шунидани ин гапҳо барои ман талх ва аламнок аст ◇ ~! ширин шавад! *(дар туйҳои никоҳ бо ин нидо ҳамдигарро бусидани арусу домодро хоҳиш мекунанд)*

горькова́тый, -ая, -ое (горькова́т, -а, -о) талхча, талхнамо, тунднамо, каме талх, андаке тунд; ~ **вкус** таъми талхча, мазаи каме талх; ~ **за́пах** бӯи тунднамо

го́рькость *ж* талхӣ, тундӣ

горю́н *м прост.* шӯрбахт, сарсахт

горю́ниться *несов. прост.* ғам хӯрдан, малул шудан

горючесть *ж* сузандагӣ, сузанда будан(и), қобилияти сузиш доштан(и)

горюч||ий I, -ая, -ее (горюч, -а, -е) 1. *(способный гореть)* сузанда, сухтанбоб; **~ие газы** *хим.* газҳои сузанда; **~ая смесь** *тех.* омехтаи сузанда 2. *в знач. сущ.* **горючее** *с* сӯзишворӣ

горюч||ий II, -ая, -ее *фольк.:* **~ие слёзы** ашки сӯзон

горюшк||о *с фольк. и разг. ласк. к* горе 1, 2 ғаму андуҳ ◇ **и ~а мало** *кому* ҳеҷ ғам (парво) надорад, бепарвофалак

горянка *женск. к* **горец**

горячечн||ый, -ая, -ое *уст.* таблар-загӣ, ...и табларза; **~ый бред** ҳазьён; **~ое состояние** шиддати табларза

горяч||ий, -ая, -ее (горяч, -а, -о) 1. гарм, ҷушон, тафсон, сӯзон; **~ие руки** дастони гарм; **~ая печь** печкаи тафсон; **~ее солнце** офтоби сӯзон 2. *перен.* пурҷӯшу хурӯш, гарму ҷушон, оташин, пурҳарорат; **~ий привет** саломи гарму ҷӯшон; **~ая работа** кори пурҷушу хурӯш; **~ие споры** баҳсу мунозираи пурҳарорат 3. *перен.* тундмизоҷ, оташинмизоҷ; **~ий темперамент** мизоҷи гарм; **~ий конь** аспи шӯх 4. *(о времени)* авҷи..., долу зарб; **~ая пора, ~ее время** авҷи кор, долу зарби кор; **~ие дни экзаменов** рӯзҳои авҷи имтиҳонсупорӣ 5. *тк. полн. ф. тех.* гармогарм, ҳунук нашуда; **~ая обработка металлов** коркарди гармогарми металлҳо 6. *в знач. сущ.* **горячее** *с разг.* дами гарм ◇ **~ая голова** одами саргарм; **по ~им следам, по ~ему следу** дар гармогармӣ, фавран, дарҳол; **попасть под ~ую руку кому-л.** ба ғазаби касе гирифтор шудан

горячительн||ый, -ая, -ое *уст.* гармкунанда, ҳароратбахш ◇ **~ые напитки** машрубот

горячить *несов. кого-что* 1. *разг.* гарм кардан 2. *перен.* барангехтан, оташин кардан, тез кардан; **~ воображение** ба шавқ овардан; **~ кровь** ба ҷуш овардан; **~ коня** аспро бозӣ дорондан

горячиться *несов.* оташин (асабонӣ) шудан, тез шудан; ба шавқ омадан

горячк||а *ж* 1. *уст. (лихорадка)* табларза, вараҷа 2. *перен. разг.* тупаланг, талотуб; **биржевая ~а** талотӯби биржа 3. ташвиш, тараддуд, безобитагӣ; **~а перед отъездом** ташвиши пеш аз сафар ◇ **белая ~а** ҷунуни мастӣ; **родильная ~а** *уст.* ҷунуни зоиш; **пороть ~у** даступо хӯрдан

горячность *ж* 1. шавқ, ҳарорат, ҷӯшу хурӯш 2. тезӣ, тундмизоҷӣ, оташинмизоҷӣ; **~ характера** тезии феъл

горячо 1. *нареч.* гарм, сӯзон, тафсон 2. *в знач. сказ. безл. кому-чему* гарм аст, гармӣ мекунад; **мне ~** барои ман гармӣ мекунад 3. *нареч. перен.* бо дилу ҷон, самимона, гарму ҷӯшон, аз таҳти дил; **~ любить** аз таҳти дил дуст доштан; **~ приветствовать** гарму ҷӯшон (самимона) табрик кардан; **~ спорить** бо ҳарорат баҳс кардан; **куй железо пока ~** *посл.* ≈ танур дар гармиаш

гос= қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «давлати»: **госторговля** савдои давлатӣ

госаппарат *м* аппарати давлатӣ

госарбитраж *м юр.* арбитражи давлатӣ

госбанк *м* банки давлатӣ

госбюджет *м* бюҷети давлатӣ

госконтроль *м* назорати давлатӣ

госкредит *м* кредити давлатӣ

госпитализация *ж (по знач. гл.* **госпитализировать)** ба госпиталь хобондан(и); **~ больного** ба госпиталь хобондани бемор

госпитализировать *сов., несов. кого-что* ба госпиталь хобондан

госпитализироваться *несов. страд.* ба госпиталь хобонда шудан

госпиталь *м* госпиталь; **военный ~** госпитали ҳарбӣ; **полевой ~** госпитали сайёр

госпитальный, -ая, -ое ...и госпиталь, госпиталӣ; **~ врач** духтури госпиталь

госплан *м* (государственная плановая комиссия) госплан (комиссияи давлатии планкашӣ)

господин *м* 1. хоҷа, соҳиб, хӯҷаин 2. *обращ.* ҷаноб, оқо // *мн.* **господа** ҷанобон, оқоён; **сам себе ~** соҳибихтиёр, ба сари худ хӯҷаин

господский, -ая, -ое *уст.* ...и хӯҷаин; **~ дом** ҳавлии хӯҷаин

господство *с* ҳукмронӣ, ҳокимият, ҳукмфармоӣ; бартарӣ; **политическое ~** ҳукмронии сиёсӣ

господствовать *несов.* 1. *над кем-чем* ҳукмронӣ кардан, ҳукмрон будан 2. бартарӣ доштан; асосӣ будан 3. *над чем (возвышаться)* баланд истодан, баланд будан

господствующий, -ая -ее 1. *прич.* ҳокимикунанда, ҳукмронанда 2. *прил.* ҳукмрон, ҳукмфармо, ҳоким; **~ класс** синфи ҳукмрон 3. *прил.* асосӣ, аз ҳама зӯр 4. *прил.* баланд, баландистода

господь *м* худо, оллоҳ ◇ **господи!** *межд.* худоё!, ё худо!; **не дай (не приведи) господи, упаси господи** *уст.* худо нигоҳ дорад!, худо накунад!; **слава тебе господи** *уст.* худоро шукр, хайрият

госпожа *ж* хонум, бону, оим, бегим

госснабжение *с* таъминоти давлатӣ

госстипендия *ж* стипендияи давлатӣ

госстрах *м* (государственное страхование) госстрах (суғуртаи давлатӣ)

гостевать *несов. обл.* меҳмон шудан (будан)

гостевой, -ая, -ое ...и меҳмон; **~ билет** даъватнома, руқъа

гостеприимно *нареч.* меҳмондустона, меҳмоннавозона, бо меҳмоннавозӣ

гостеприимность *ж* меҳмондӯстӣ, меҳмоннавозӣ

гостеприимный, -ая, -ое (гостеприим|ен, -на, -но) меҳмондуст, меҳмоннавоз; **~ дом** хонадони меҳмондӯст; **~ хозяин** мизбони (соҳибхонаи) меҳмоннавоз

гостеприимство *с* меҳмондустӣ, меҳмоннавозӣ

гостиная *ж* 1. меҳмонхона 2. *(обстановка)* бисоти меҳмонхона

гостинец *м разг.* савғотӣ, раҳовард, барги сабз

гостиниц||а *ж* меҳмонхона; **остановиться в ~е** ба меҳмонхона фуромадан

гостиничный, -ая, -ое меҳмонхонагӣ, ...и меҳмонхона

гостинодворец *м уст.* дукондор

гостиный, -ая, -ое: **~ двор** раста, тиҷоратхона

гостить *несов. у кого и без доп.* меҳмон шудан, меҳмон будан; **~ у родных** меҳмони хешовандон будан

госторговля *ж* савдои давлатӣ

гост||ь *м* 1. меҳмон 2. *(на собрании, заседании и т. п.)* хабарӣ, меҳмон 3. *уст. (иноземный купец)* савдогари аҷнабӣ ◇ **пойти в ~и** ба меҳмонӣ рафтан

гостья *женск. к* гость 1

государственность *ж* сохти (ташкилоти) давлатӣ

государственн||ый, -ая, -ое давлатӣ, ...и давлат; давлатӣ; **~ая власть** ҳокимияти давлатӣ; **~ый строй** сохти давлатӣ; **~ый герб** герби давлатӣ; **Государственный гимн СССР** Гимни давлатии СССР; **~ая собственность** моликияти давлатӣ; **~ые границы** сарҳадҳои давлатӣ; **дело ~ой важности** кори дорои аҳамияти давлатӣ ◇ **~ое право** *юр.* ҳуқуқи давлатӣ; **~ые экзамены** имтиҳонҳои давлатӣ

государство *с* давлат; **социалистическое ~** давлати социалистӣ

государыня *ж ист.* малика ◇ **милостивая ~** *обращ. уст.* хонуми мӯҳтарам *(хитоб)*

государь *м* 1. подшоҳ, малик 2. *уст. (господин, владетель)* соҳиб, малик 3. *обращ.* аълоҳазрат ◇ **милостивый ~** *уст.* ҷаноби олӣ, оқои муҳтарам

госучреждение *с* идораи давлатӣ

готика *ж архит.* готика *(тарзи махсуси иморатсозӣ дар Европаи асрҳои миёна)*

готическ||ий, -ая, -ое ...и готика, готикӣ; **~ая архитектура** маъмории готика; **~ий стиль** услуби готикӣ ◇ **~ий шрифт** ҳуруфи готикӣ *(навъи ҳуруфоти лотинӣ)*

готовальня *ж* готовальня

готовить *несов.* 1. *что* тайёр кардан, муҳайё (омода) кардан; сохтан; **~ уроки** дарс тайёр кардан; **~ спектакль** спектакль тайёр кардан 2. *кого-что* тайёр кардан, тарбия кардан, таълим додан; **~ кадры** кадр тайёр кардан 3. *что и без доп.* пухтан, таом пухтан; **~ ужин** хӯроки шом пухтан; **вкусно ~** хӯроки болаззат пухтан 4. *что* захира кардан, андухтан; **~ на зиму дрова** барои зимистон ҳезум захира кардан 5. *что* тайёрӣ дидан; **готовь сани летом, а телегу зимой** *погов.* ≈ тобистон ғами зимистонро хӯр, зимистон — ғами тобистонро

готовиться *несов.* 1. *к чему или с неопр.* тайёрӣ дидан, омада шудан;

~ к бою ба ҷанг омода шудан; ~ **к отъезду** ба сафар тайёрӣ дидан; ~ **[к поступлению] в институт** барои дохилшавӣ ба институт тайёрӣ дидан; ~ **к экзаменам** ба имтиҳонот тайёрӣ дидан 2. *страд.* тайёр карда шудан; пухта шудан

готовка *ж (по знач. гл.* **готовить** 1, 3) *разг.* таомпазӣ

готовност||ь *ж* 1. тайёрӣ, омодагӣ; **боевая** ~**ь** тайёрии ҷангӣ, тайёрӣ ба ҷанг; **быть в полной** ~**и** комилан тайёр будан; **привести в** ~**ь что-л.** тайёр кардан, муҳайё сохтан 2. майл, хоҳиш, ҳозир будан(и); **изъявить** ~**ь** майлу рағбат зоҳир кардан, ҳозир будан; **сделать что-л. с** ~**ью** ягон корро бо майли тамом иҷро кардан

готово *в знач. сказ. безл.* тайёр, вассалом, тамом; **и** ~ **дело** кор тамом; **раз-два [да] и** ~ «ҳа» нагуфта тайёр мешавад, шарт-шурт — вассалом

готов||ый, -ая, -ое (готов, -а, -о) 1. тайёр, ҳозир, омода; ~**ый в дорогу** ба сафар тайёр; **он ко всему готов** вай ба ҳама кор омода аст 2. *на что или с неопр.* ҳозир, моил; **я готов прийти к вам** ман ҳозирам назди шумо биёям // *с неопр.* қариб; **она** ~**а расплакаться** вай қариб аст, ки гирья кунад 3. *чаще кр. ф.* пухта, тайёр; **завтрак готов** ношто тайёр аст; **суп готов** шурбо пухт; **спектакль ещё не готов** спектакль ҳанӯз тайёр нест; **уроки** ~**ы** дарс тайёр карда шудааст 4. *тк. полн. ф.* тайёр; ~**ые изделия** молҳои тайёр; **магазин** ~**ого платья** магазини либосҳои тайёр 5. *тк. полн. ф.* тайёр; ~**ые понятия** мафҳумҳои тайёр ◇ **готов** *в знач. сказ. прост.* 1) *(умер)* мурд, кораш тамом шуд 2) *(совершенно пьян)* тамоман маст, масти лояъқил; **он немного выпил и уже готов** вай андаке нушиду тамоман маст шуд; **жить на всём** ~**ом** бе ғаму ташвиш зиндагӣ кардан

готский, -ая, -ое готӣ; ~ **язык** забони готӣ

готтентот *м* готтентот; *см.* **готтентоты**

готтентотка *ж* готтентотзан, готтентотдухтар; *см.* **готтентоты**

готтентотский, -ая, -ое готтентотӣ; ~ **язык** забони готтентотӣ

готтентоты *мн.* готтентотҳо *(яке аз халқҳои Африкаи ҷанубӣ-ғарбӣ)*

готы *мн.* готҳо *(яке аз қабилаҳои қадимии германӣ)*

гофрировальный, -ая, -ое *тех.* рахдоркунанда, чиндоркунанда

гофрирование *с (по знач. гл.* **гофрировать**) рахдоркунӣ, чиндоркунӣ

гофрированн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* рахдор (чиндор) кардашуда 2. *прил.* рахдор, чин-чин, чиндор; ~**ая бумага** коғази чиндор; ~**ое листовое железо** тунукаи чиндор

гофрировать *несов. что* рахдор (чиндор) кардан

гофрироваться *несов. страд.* рахдор (чиндор) карда шудан

гофрировка *ж* 1. *см.* **гофрирование**; 2. рах-рах, чин-чин

гофрировщик *м* рахкор, чинкор

гофрировщица *женск. к.* **гофрировщик**

граб *м бот.* кулкан, момроз *(дарахти аз ҷинси хаданг)*

грабарь *м обл.* заминков, заминкан

грабастать *несов. кого-что обл.* гирифтан, ҷанг зада гирифтан, дошта гирифтан

грабёж *м* ғорат, тороҷ, роҳзанӣ

грабельщик *м* хаскаш, хоркаш

грабитель *м* ғоратгар; роҳзан

грабительски *нареч.* ғоратгарона, роҳзанона

грабительск||ий, -ая, -ое ғоратгарона, ...и ғоратгар, роҳзанона, ...и роҳзан; ~**ая война** ҷанги ғоратгарона

грабительство *с уст. см.* **грабёж**

грабить I *несов. кого-что* ғорат (тороҷ, роҳзанӣ) кардан

грабить II *несов. что обл.* бо хаскашак кор кардан; туда (туп) кардан; ~ **сено** хасбедаро туда кардан

грабление *(по знач. гл.* **грабить** II) бо хаскашак туда кардан(и)

грабленный *прич.* (граблен, -а, -о) ғорат кардашуда, тороҷ кардашуда

граблен||ый, -ая, -ое ғоратшуда, тороҷшуда, дуздӣ; ~**ые вещи** чизҳои дуздӣ

грабл||и *тк. мн.* хаскашак; **грести** ~**ями** бо хаскашак туда кардан

грабштихель *м тех.* қалами ҳаккокӣ

гравёр *м (по дереву)* кандакор, ҳаккок; *(по металлу)* зарроб

гравёрн||ый, -ая, -ое ...и кандакорӣ, ...и ҳаккокӣ, ...и наққорӣ; ~**ое искусство** санъати кандакорӣ; ~**ая мастерская** устохонаи зарробӣ

гравий *м* сангреза, шағал

гравиметр *м геофиз.* гравиметр, ҷозибасанҷ

гравиметрическ||ий, -ая, -ое *геофиз.* ...и гравиметрия, гравиметрӣ, ҷозибасанҷӣ; ~**ая съёмка** суратгирии гравиметрӣ

гравиметрия *ж* гравиметрия, ҷозибасанҷӣ *(илмест, ки андозаи тағйирьёбии қувваи ҷозибаро дар рӯи Замин таҳқиқ мекунад)*

гравировальн||ый, -ая, -ое ...и кандакорӣ, ...и ҳаккокӣ, ...и наққорӣ; ~**ая машина** мошини кандакорӣ

гравирование *с (по знач. гл.* **гравировать**) кандакорӣ (ҳаккокӣ, наққорӣ) кардан(и)

гравировать *несов. что (на дереве)* кандакорӣ (ҳаккокӣ) кардан; *(на металле)* зарробӣ кардан; ~ **на меди** дар рӯи мис зарробӣ кардан

гравироваться *несов. страд.* кандакорӣ (ҳаккокӣ) шудан; наққорӣ шудан

гравировка *ж* 1. *см.* **гравирование**; 2. *(рисунок, надпись)* нақш

гравировщик *м (по дереву)* кандакор, ҳаккок; *(по металлу)* наққор

гравировщица *женск. к.* **гравировщик**

гравитационн||ый, -ая, -ое *физ.* гравитационӣ, ...и ҷозиба, ...и гравитация; ~**ое поле** майдони гравитация

гравитация *ж физ.* гравитация, ҷозиба; **земная** ~ ҷозибаи Замин

гравюра *ж* расми кандакорӣ, ҳаккокӣ; наққорӣ

гравюрный, -ая, -ое ...и кандакорӣ, ...и ҳаккокӣ; ...и наққорӣ

град I *м* 1. жола, тагарг, дул; **выпал** ~ жола борид 2. *перен.* сел, борон; ~ **пуль** борони тир; ~ **упрёков** сели маломат 3. *в знач. нареч.* **градом** 1) *(во множестве)* бисьёр, аз ҳад зиёд 2) *(крупными каплями — о поте, слезах)* жола барин, жолавор; **пот с него катил** ~**ом** аз рӯяш селоби арақ мерехт; **слёзы катятся** ~**ом** ашк шашқатор мерезад

град II *м уст. поэт. (город)* билод, балад, балда

градация *ж* тадриҷ, дараҷабандӣ

градина *ж разг.* донаи жола, тагарг

градирня *ж* 1. градирня *(пештар манорае буд, ки дар он оби шурро ҷӯшонда намакашро мегирифтанд)* 2. манораи обхунуккунак

градирование *с (по знач. гл.* **градировать**) обро хунук кардан(и)

градировать *сов., несов. что* обро хунук кардан

градировка *ж см.* **градирование**

градобитие *с* жолазанӣ

градов||ой, -ая, -ое жолабор, тагаргӣ; ~**ая туча** абри жолабор

градоначальник *м уст.* сардори шаҳр, шаҳрдор *(шахси мансабдори Россияи пешазреволюционӣ, ки шаҳри калонро идора мекард)*

градоначальство *с уст.* 1. шаҳрдорӣ 2. мудирияти шаҳрдорӣ

градоносн||ый, -ая, -ое жоланок, жолабор; ~**ая туча** абри жолабор

градоправитель *м уст.* ҳокими шаҳр

градостроение *с см.* **градостроительство**

градостроитель *м* шаҳрсоз

градостроительн||ый, -ая, -ое ...и шаҳрсозӣ; ~**ые работы** корҳои шаҳрсозӣ

градостроительство *с* шаҳрсозӣ

градский, -ая, -ое *уст. поэт.* ...и шаҳр, шаҳрӣ

градуирование *с (по знач. гл.* **градуировать**) дараҷабандӣ

градуировать *сов., несов. что* дараҷа бастан, ба дараҷаҳо тақсим кардан *(хатҳои дараҷагӣ ва ғ. кашидан ба рӯи асбоби ченкунӣ)*; ~ **термометр** термометрро дараҷа бастан

градуироваться *несов. страд.* дараҷа баста шудан, ба дараҷаҳо тақсим карда шудан

градуировка *ж см.* **градуирование**

градус *м* 1. дараҷа *(воҳиди ченкунии кунҷ ё камон, ки ба $^1/_{360}$ доира баробар аст)*; **угол в сорок пять** ~**ов** кунҷи чилупанҷ дараҷа 2. дараҷа *(воҳиди ченкунии ҳарорати ҳаво, об, бадани инсон ва ғ.)*; **тридцать** ~**ов мороза** сӣ дараҷа хунукӣ; **у больного температура доходила до сорока** ~**ов** табъи бемор то ба чил дараҷа мерасид

3. зӯрӣ *(воҳиди ченкунии зӯрии спирт)* 4. *перен.* ҳадди охир ◊ **в ~е** *уст.*, **под ~ом** *прост.* ширакайф

гра́дусник *м разг. см.* **термо́метр**

гра́дусн||ый, -ая, -ое дараҷагӣ, дараҷот; **~ые измере́ния** *астр.*, *геод.* ченкуниҳои дараҷот; **~ая се́тка** *геогр.* шабакаи дараҷот *(дар глобус, харитаи географӣ)*

граждани́н *м* 1. гражданин; ~ **Сове́тского Сою́за** гражданини Иттифоқи Советӣ 2. мард, марди калонсол; **незнако́мый** ~ марди ношинос 3. *уст. высок.* ватанпараст 4. *уст. (горожанин)* шаҳрӣ, шаҳрнишин

гражда́нка *женск. к* **граждани́н**

гражда́нск||ий, -ая, -ое 1. гражданӣ, ...и гражданин; **~ий иск** даъвои гражданӣ; **~ий ко́декс** *юр.* кодекси гражданӣ; **~ое пра́во** *юр.* ҳуқуқи гражданӣ 2. гражданӣ; ҳақиқӣ, виҷдонӣ; **~ий долг** вазифаи гражданӣ 3. ғайриҳарбӣ, ғайринизомӣ, гражданӣ; **~ий возду́шный флот** флоти ҳавоии гражданӣ; **~ая оборо́на** мудофиаи гражданӣ; **~ое пла́тье** сару либоси ғайринизомӣ (оддӣ) 4. *уст. (нецерковный, светский)* дуньявӣ ◊ **~ая а́збука** алифбои гражданӣ *(алифбое, ки соли 1708 Пётри I ҷорӣ кардааст)*; **~ий брак** никоҳи ғайрикалисоӣ; **~ая война́** ҷанги гражданӣ; **~ая казнь** *уст.* қатли гражданӣ *(аз ҳамаи ҳуқуқҳои гражданӣ маҳрумкунӣ)*; **~ая панихи́да** маросими мотам; **а́кты ~ого состоя́ния** актҳои вазъи гражданӣ

гражда́нственность *ж* ҳисси гражданӣ, гражданият

гражда́нств||о *с* 1. гражданият, табаият; **сове́тское ~о** гражданияти советӣ; **приня́ть сове́тское ~о** гражданияти советиро қабул кардан 2. *собир уст.* гражданҳо ◊ **дать права́ (пра́во) ~а** эътироф кардан; **получи́ть права́ (пра́во) ~а** ба расмият даромадан

грай *м фольк. и обл.* қар-қар *(қар-қари парранда)*

грамза́пись *ж* сабти граммофонӣ *(мусиқӣ ё нутқро)*

грамма́тик||а *ж* грамматика, сарфу наҳв; **сравни́тельная ~а** грамматикаи муқоисавӣ; **шко́льная ~а** грамматикан мактабӣ; **учёбник ~и** китоби дарсии грамматика

граммати́ст *м* грамматикашинос, мутахассиси грамматика

граммати́ческ||ий, -ая, -ое грамматикӣ; **~ая оши́бка** хатои грамматикӣ; **~ий строй языка́** сохти грамматикии забон; **~ая фо́рма** шакли грамматикӣ

граммофо́н *м уст.* граммофон

граммофо́нн||ый, -ая, -ое ...и граммофон, граммофонӣ; **~ая пласти́нка** қартаи граммофон

гра́мот||а *ж* 1. хату савод, савод; **обуча́ть ~е** хату савод ёд додан; **полити́ческая ~а** саводи сиёсӣ 2. нома, санад, варақа, грамота; **вери́тельные ~ы** *дип.* ваколатнома; **похва́льная ~а** таърифнома; **почётная ~а** грамотаи фахрӣ 3. *уст. (письмо)* нома, рукъа ◊ **кита́йская ~а** муаммо; **фи́лькина ~а** *ирон.* санади ботил; **жа́лованная ~а** *ист.* ярлиқ

грамоте́й *м уст. разг. ирон.* [одами] хондагӣ

гра́мотка *ж прост. и обл. уменьш. к* **гра́мота** 3

гра́мотно *нареч.* 1. босаводона; ~ **писа́ть** босаводона навиштан 2. *перен.* бо кордонӣ, пухта, моҳирона; ~ **вы́полненный чертёж** нақшаи моҳирона кашидашуда

гра́мотность *ж* 1. саводнокӣ, босаводӣ; ~ **населе́ния** саводнокии аҳолӣ 2. босаводона будан(и); беғалат будан(и); ~ **изложе́ния** босаводона будани баёнот; ~ **прое́кта** пухтагии лоиҳа 3. *перен.* савод, маълумот; **техни́ческая** ~ саводи техники

гра́мотн||ый, -ая, -ое (гра́мот|ен, -на, -но) 1. саводнок, босавод, хату саводдор; **~ые лю́ди** одамони босавод 2. босаводона, беғалат; **~ое письмо́** номаи беғалат 3. *перен.* доно, моҳир

грампласти́нка *ж* қартаи граммофон

гран *м уст.* гран *(то ҷорӣ шудани системаи метрӣ, воҳиди вазн — баробари 0,062 грамм)* ◊ **нет ни ~а** заррае ҳам нест

грана́т I *м бот (дерево)* дарахти анор; *(плод)* анор, нор

грана́т II *м мин.* бечода, ақиқи сурх

грана́та *ж воен.*, *спорт.* граната; **оско́лочная** ~ гранатаи пора-порашаванда; **ручна́я** ~ гранатаи дастӣ

гранатник *м* анорзор

грана́тов||ый I, -ая, -ое 1. *бот.* ...и анор; **~ое де́рево** дарахти анор 2. *(о цвете)* суп-сурх, анор барин сурх

грана́товый II, -ая, -ое *мин.* ...и бечода, ...и ақиқ; ~ **брасле́т** дастпонаи ақиқнигин

гранатомёт *м воен.* гранатомёт, [тӯпи] гранатаандоз

гранатомётчик *м* гранатаандоз

гранд *м* гранд, асилзода *(дар Испанияи то соли 1931)*; **испа́нский** ~ гранди испанӣ, асилзодаи испанӣ

грандио́зно *нареч.* азим, бузург, мӯҳташам

грандио́зность *ж* азамат, бузургӣ, ҳашмат

грандио́зный, -ая, -ое (грандиоз|ен, -на, -но) азим, бузург, боҳашамат

гране́ние *с (по знач. гл.* **грани́ть)** суфта (қиррадор) кардан(и)

гранённый *прич.* (гранён, гранена́, гранено́) суфта кардашуда, қиррадор кардашуда

гранёный, -ая, -ое 1. қиррадор, рахдор; ~ **стака́н** стакани қиррадор 2. суфта; қиррадор; ~ **хруста́ль** булури суфта

грани́льный, -ая, -ое ...и суфтагарӣ; ~ **круг** чархи суфтагарӣ

грани́льня *ж* устохонаи суфтагарӣ

грани́льщик *м* суфтагар

грани́т *м* хоро, хоросанг, санги хоро

грани́тн||ый, -ая, -ое ...и [санги] хоро, ...и гранит; **~ая поро́да** ҷинси санги хоро; **~ая на́бережная** соҳили сангпуш

грани́тчик *м* сангтарош

грани́ть *несов. что* суфта кардан, қиррадор (рахдор) кардан; ~ **алма́з** дурр суфтан ◊ ~ **мостову́ю** саланг-саланг гаштан

грани́ться *несов. страд.* суфта карда шудан, қиррадор (теғадор) карда шудан

грани́ц||а *ж* 1. сарҳад, ҳудуд; **госуда́рственная ~а** сарҳади давлатӣ; **защи́та ~ы** мудофиаи сарҳад 2. *чаще мн.* **грани́цы** *перен. (предел)* ҳад, андоза, меъёр; **всему́ есть ~ы** ҳар кор ҳад дорад; **сверх вся́ких грани́ц** аз ҳад зиёд, аз ҳад берун; **не знать грани́ц** аз ҳад гузаштан ◊ **за ~у** ба хориҷа; **за ~ей** дар хориҷа; **из-за ~ы** аз хориҷа

грани́чи||ть *несов. с чем* 1. ҳамҳудуд (ҳамшафат, ҳамсарҳад) будан 2. *перен.* шабоҳат доштан, наздик будан; **его́ сме́лость ~т с де́рзостью** шуҷоати вай ба бебокӣ наздик аст

гра́нка I *ж полигр.* гранка

гра́нка II *ж (по знач. гл.* **грани́ть)** суфтакунӣ, қиррадор кардан(и)

гра́нула *ж* ғуруша, ғелак

гранули́рование *с (по знач. гл.* **гранули́ровать)** ғурушонӣ, ғурӯшониндан(и); ~ **удобре́ний** *с.-х.* ғурӯшонидани нурӣ; ~ **кормо́в** ғурӯшонидани хӯроки чорво

гранули́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ғурӯша (дона-дона, ғелак) кардашуда 2. *прил.* гурӯша, дона-дона, ғелак; **~ые удобре́ния** *с.-х.* нурии ғурӯша

гранули́ровать *сов., несов. что* ғурӯша (дона-дона, ғелак) кардан; ~ **мета́ллы** металлҳоро ғурӯша кардан

гранули́роваться *несов. страд.* ғурӯша (ғелак) карда шудан

грануля́рный, -ая, -ое ...и ғуруша, ...и ғелак

грануля́тор *м* ғурушамошин, мошини ғуруша

грануля́ция *ж* 1. ғурушонӣ 2. *астр.* грануляция *(холҳои сатҳи Офтоб)* 3. *мед.* грануляция *(гӯшти нави ҷароҳат)*

гран||ь *ж* 1. ҳад, ҳудуд, сарҳад; **на ~и жи́зни и сме́рти** дар дами марг 2. руй, руя; **~ь ку́ба** рӯи куб 3. *разг. (ребро)* теға, қирра 4. қирра 5. фарқ

грасси́рование *с (по знач. гл.* **грасси́ровать)** сақав-сақав гап задан(и)

грасси́ровать *несов.* сақав-сақав гап задан *(овози «р»-ро саҳеҳ талаффуз карда натавонистан)*

граф *м* граф *(унвони дворянӣ ва соҳиби ин унвон)*

графа́ *ж* 1. *(столбец)* сутун 2. *(раздел, рубрика)* қисмат

гра́фик I *м* график, ҷадвал; ~ **движе́ния поездо́в** ҷадвали ҳаракати поездҳо; **рабо́тать по ~у** аз руи график кор кардан

гра́фик II *м (художник)* рассоми соҳаи графика

гра́фик||а *ж* 1. графика; сиёҳқаламӣ; **вы́ставка ~и** намоиши асарҳои графика 2. *лингв.* хат, ҳуруфот

графи́н *м* сурохӣ; ~ **воды́** як сурохӣ об

графи́ня *ж* графиня, графхоним, зани граф, духтари граф

графи́т *м* 1. *(минерал)* графит *(як намуди карбон)* 2. *(стержень карандаша)* сиёҳии карандаш

графи́тный, -ая, -ое графитӣ, ...и графит

графи́тов||ый, -ая, -ое графитӣ, ...и графит; ~**ые изде́лия** маснуоти графитӣ

графи́ть *несов. что* хат кашидан, хаткашӣ кардан

графи́ться *несов. страд.* хат кашида шудан, хаткашӣ карда шудан

графи́чески *нареч.* ба воситаи график (ҷадвал)

графи́ческий I, -ая, -ое графикӣ, ҷадвалӣ, ...и график; ба воситаи нақша ифода кардашуда; ~ **ме́тод реше́ния зада́чи** усули ба воситаи нақша ҳал кардани масъала

графи́ческий II, -ая, -ое 1. ...и графика, графикавӣ 2. *лингв.* ҳуруфотӣ

графле́ние *с (по знач. гл.* **графи́ть**) хаткашӣ, ҷадвалкашӣ, рахдоркунӣ; ~ **бума́ги** рахдор кардани коғаз

графлённый *прич.* (графл|ён, -ена́, -ено́) хатдор (рахдор) кардашуда

графлён||ый, -ая, -ое хатдор, ҷадвалӣ, рахдор; ~**ая бума́га** коғази рахдор

графо́лог *м* графолог, мутахассиси графология

графоло́гия *ж* графология *(тариқи муайян кардани хислату лаёқати ягон одам аз руи хати вай)*

графома́н *м* графоман *(гирифтори графомания)*

графомания *ж* графомания *(бемории руҳӣ, ки мубталои он ҳунар надошта бошад ҳам асари адабӣ навиштанӣ мешавад)*

гра́фский, -ая, -ое графи, ...и граф; ~ **ти́тул** унвони граф

гра́фство *с* 1. *(титул)* графӣ, унвони граф 2. *(владение)* мулки граф 3. графӣ *(воҳиди маъмурӣ-территориявии баъзе мамлакатҳои капиталистӣ)*

грацио́зно *нареч.* хиромон, хиромида, таннозона; ~ **танцевать** хиромон рақсидан

грацио́зность *ж* хушандомӣ, таннозӣ, малоҳат

грацио́зный, -ая, -ое (грациоз|ен, -на, -но) хушандом, танноз, малеҳ

грация *ж* 1. малоҳат, таннозӣ; ~ **движе́ний** хиромонӣ 2. *перен уст. поэт. (красавица)* нозанин, соҳибҷамол

грач *м* шурнул; ~**й улете́ли** шурнулҳо парида рафтанд

грачи́н||ый, -ая, -ое ...и шӯрнул; ~**ое гнездо** ошьёни шурнул

грачонок *м* чуҷаи шурнул, шурнулча

гра́янье *с (по знач. гл.* **граять**) карқар кардан(и); *(звуки)* овози қар-қар

граять *несов. фольк. и обл.* қар-қар кардан

гребёнк||а *ж* 1. шона; **расчеса́ть во́лосы** ~**ой** муй шона кардан 2. *тех.* шона ◇ **стричь** [**всех**] **под одну́** ~**у** ҳамаро бо як газ чен кардан

гребенно́й, -а́я, -о́е *тех.* ...и шона, ...и наддофӣ

гребе́нчатый, -ая, -ое шонамонанд, шонашакл

гребенщи́к I *м* шонатарош, шонасоз

гребенщи́к II *м бот.* газ

гре́бень *м* 1. шона; **ча́стый** ~ шонаи зичдандона; **воткну́ть в причёску** ~ ба муйсар шона халонда мондан 2. *тех.* шона; **пряди́льный** ~ шонаи ресмонресӣ 3. *(у птиц)* тоҷ; **петуши́ный** ~ тоҷи хурус 4. теға; **гребни гор** теғаҳои кӯҳ; ~ **волны́** теғаи мавҷ 5. *с.-х.* пушта

греб||е́ц *м* белкаш, белзан, заврақрон, қаиқрон; **соревнова́ния** ~**цов** мусобиқаи қаиқронон

гребешо́к *м уменьш. к* **гре́бень** 1, 3, 4

гре́бл||я *ж* 1. *(по знач. гл.* **грести́**) белкашӣ, қаиқронӣ; **занима́ться** ~**ей** бо қаиқронӣ машғул шудан 2. *обл.* сарбанди об, дарғот; хоктеппа, хокреза

гребневи́дный, -ая, -ое шонамонанд, шонашакл; тоҷмонанд, тоҷшакл

гребнев||о́й, -а́я, -о́е *с.-х.* пуштагӣ, ...и пушта; ~**а́я культу́ра** зироатн пуштагӣ

гребнечеса́льн||ый, -ая, -ое ...и шонакунӣ, ...и наддофӣ; ~**ая маши́на** мошини наддофӣ

гребни́ст||ый, -ая, -ое теғадор, теғанок; ~**ые во́лны** мавҷҳои теғадор

гребн||о́й, -ая, -ое 1. ...и белкашӣ; ~**о́й спорт** спорти қаиқронӣ 2. белдор; ~**о́е су́дно** киштии белдор

гребну́ть *сов. однокр. к* **грести́**

гребо́к *м* 1. *(взмах и удар вёсел)* белзанӣ 2. *(короткое весло)* бели кӯтоҳ, белча

гре́жа *ж шелк.* абрешими хом

грёза *ж* 1. *(мечта)* орзу, хаёл, руъё 2. *(сновидение)* хоб

грéзить *несов.* 1. *о чём* орзу кардан; хаёл кардан, ба дарьёи хаёл ғарқ шудан; ~ **о сча́стье** бахту саодатро орзу кардан 2. *(видеть во сне, бредить)* хоб дидан, дар хоб дидан

грезиться *несов. кому* 1. ба хаёл омадан, аз пеши назар гузаштан 2. дар хоб дидан; ~ **во сне** дар хоб дидан

гре́йдер *м* 1. *тех.* грейдер *(мошини заминҳамворкунанда)* 2. *разг.* роҳи шағалпуш

грейдери́ст *м* грейдеррон

гре́йдерн||ый, -ая, -ое *тех.* ....и грейдер; грейдерӣ; ~**ая доро́га** роҳи шағалпуш

грейпфру́т *м бот. (дерево)* дарахти норинҷ; *(плод)* норинҷ

гре́йфер *м* грейфер *(хокандози крани борбардор)*

гре́йферный, -ая, -ое *тех.* ...и грейфер, грейферӣ; грейфердор; ~ **кран** крани грейфердор

грек *м* юнонӣ

гре́ки *мн.* юнониҳо

гре́лка *ж* грелка *(зарфе, ки оби ҷӯш пур карда ягон аъзои баданро гарм мекунанд)*; **электри́ческая** ~ грелкаи электрики

грем||е́ть *несов.* 1. гулдуррос задан, ғурридан; шақаррос задан; **гром** ~**и́т** раъд гулдуррос мезанад 2. *перен. разг.* бо овози баланд (фарьёдзанон, дуғзанон) гап задан 3. *перен.* шуҳрат ёфтан, ғулғула андохтан; **его́ и́мя** ~**и́т по всей стране́** номи вай дар тамоми мамлакат шуҳрат ёфтааст

грему́ч||ий, -ая, -ее (грему́ч, -а, -е) гулдурросӣ, ғуррон; ғулғулаандозанда, ғулғуланок ◇ ~**ий газ** гази тарканда *(омехтаи гидрогену оксиген)*; ~**ая змея́** шақшақамор; ~**ая ртуть** симоби тарканда

грему́шка *ж уст.* шақшақа

гре́на *ж собир шелк.* тухми кирмак

гренаде́р *м ист.* гренадер *(дар армияи Россияи подшоҳӣ ва дар баъзе армияҳои хориҷӣ — солдат ё офицери қисмҳои яккачини пиёдагард ва ё савора, ки қадбаланду тануманд будаанд)*

гренаде́рский, -ая, -ое *ист.* ...и гренадер, гренадерӣ; ~ **полк** полки гренадерҳо

грена́ж *м* гренаж *(тайёр кардани тухми кирмак)*

грена́жн||ый, -ая, -ое *шелк* ...и гренаж, ...и тухми кирмак; ~**ое произво́дство** тайёр кардани тухми кирмак

гренки́ *мн. (ед.* **грено́к** *м)* нони бирьён

грести́ *несов.* 1. *чем и без доп.* бел кашидан, бел задан, қаиқ рондан; ~ **к бéрегу** бел зада ба суи соҳил қаиқ рондан 2. *что* тӯда (тӯб) кардан; ~ **се́но** хасбедаро туда кардан ◇ ~ **де́ньги лопа́той** пулро бо ҷоруб руфта гирифтан

грести́сь *несов. страд.* тӯда (тӯб) карда шудан

греть *несов.* 1. *что и без доп.* гарм кардан, тафсондан; **со́лнце гре́ет** офтоб гарм мекунад // *(об одежде)* гарм кардан; **э́та шу́ба пло́хо гре́ет** ин пӯстин нағз гарм намекунад 2. *кого-что* гарм кардан; ~ **во́ду** об гарм кардан; ~ **но́ги** пойҳоро гарм кардан; ~ **ко́сточки** *разг.* баданро гарм кардан, гарм шудан 3. *кого прост.* сарзаниш кардан, дашном додан ◇ ~ **ру́ки (ру́ку)** *на чём* таматтуъ бурдан, баҳра бардоштан

гре́ться *несов.* 1. гарм шудан; ~ **на со́лнышке** дар офтоб гарм шудан; **обе́д гре́ется** хурок гарм шуда истодааст 2. *страд.* гарм карда шудан

грех *м* 1. *рел.* гуноҳ; **впасть в** ~ ба гуноҳ мондан, гуноҳ кардан 2. гуноҳ, хато, кӯтоҳӣ; ~**й мо́лодости** айбҳои айёми ҷавонӣ; **был** ~ кӯтоҳӣ шуда буд 3. хато, камбудӣ; **в его́ рабо́те есть** ~**й** дар кори вай камбудӣ ҳаст 4. *прост. (беда, несчастье)* фалокат, офат; **случи́лся** ~ фалокат руй дод 5. *в знач. сказ. с неопр. разг. (нехорошо, грешно)* айб аст, нағз не; ~ **тебе́ так говори́ть!** ин тавр гуфтанат айб аст (нағз не)! // *с отриц. (хорошо бы, неплохо бы)* айб надорад, нағз мешуд; **не** ~ **тепе́рь и отдохну́ть** акнун дам гирифтан ҳам айб надорад ◇ **недо́лго и до** ~**а́** фалокат аз таги пой мехезад; **сме́ртный** ~ гуноҳи азим; [**и**] **смех и** ~ ҳам хандаи

кас меояд, ҳам гирьяаш; **как на ~ гуё** қасдан, қасд кардагӣ барин; [**подальше**] **от ~á** аз бало ҳазар; **с ~óм пополáм** ба зӯр, ҳарому ҳариш; **~ попутáл** шайтон васваса кард, ба гапи шайтон даромад; **брать (взять) ~ на душу** гуноҳро ба гардан гирифтан; **чегó ~á тайть** бояд иқрор кард, росташро (ҳаққи гапро) гуфтан даркор; **страшна как смéртный ~** хунукбашара, бадафт, афташ ҷаҳаннам барин; **кто без ~á** моҳ ҳам беайб нест

грехóвн||ый, -ая, -ое (грехóв|ен, -на, -но) *уст.* пургуноҳ, осӣ; **~ые мысли** фикрҳои пургуноҳ

греховóдник *м разг.* сабукрафтор, бадахлоқ

греховóдница *женск. к* **греховóдник**

греховóдничать *несов. разг.* сабукрафторӣ (бадахлоқӣ) кардан

грехопадéние *с* 1. *рел.* гунаҳкорӣ, гунаҳгоршавӣ *(аз рӯи афсонаи динии Таврот фармудаи худоро вайрон кардани Одам ва Ҳавво)* 2. *книжн.* куфр

грéцкий, -ая, -ое: **~ орéх** *(дерево)* дарахти чормағз; *(плод)* чормағз

грéча *ж разг.* 1. *см.* **гречиха**; 2. *(крупа)* ярмаи марҷумак

гречáнка *ж* юнонизан, юнонидухтар

грéческий, -ая, -ое юнонӣ; **~ язык** забони юнонӣ ◇ **~ нос** бинии зебо

гречиха *ж бот.* марҷумак

гречишный, -ая, -ое ...и марҷумак; **~ мёд** асали гули марҷумак

грéчка *ж разг. см.* **гречиха**

грéчнев||ый, -ая, -ое ...и марҷумак; **~ая крупá** ярмаи марҷумак; **~ая кáша** шавлаи марҷумак

грешить *несов.* 1. *рел* гуноҳ кардан 2. *чем, в чём, против чего* хато (саҳв) кардан; кори нораво кардан; **~ прóтив истины** нодуруст гап задан, бархато гап задан

грéшник *м* гунаҳкор, хатокор

грéшница *женск. к* **грéшник**

грешнó *в знач. сказ. с неопр. кому-чему разг.* айб аст, хатост, нағз не

грéшн||ый, -ая, -ое (грéш|ен, -нá, -но) 1. гунаҳкор; пургуноҳ; **~ая жизнь** зиндагии пургуноҳ 2. *тк. кр. ф. в знач. сказ. разг. шутл.* **грéшен, грешнá** айб аз ман ◇ **~ым дéлом** *в знач. вводн. сл.* айб бошад ҳам; мутаассифона

греш||óк *м уменьш. к* **грех** 1, 2; **мéлкие ~ки** айбу айбчаҳо

гриб *м* занбӯруғ, қорч, кузиқандӣ; **съедóбные ~ы** занбуруғҳои хӯрданӣ; **ходить по ~ы** занбӯруғчинӣ рафтан ◇ **растут как ~ы** ачирик барин зиёд мешаванд

грибкóв||ый, -ая, -ое *биол.* занбуруғӣ, ...и мағор, ...и пӯпанак; **~ые заболевания** бемориҳои занбӯруғӣ

грибни́к *м разг.* занбӯруғчин

грибни́ца I *ж* решаи занбуруғ

грибни́ца II *женск. к* **грибни́к**

гриб||óй, -áя, -óе занбӯруғӣ, ...и занбӯруғ; занбӯруғдор; **~óе мéсто** занбӯруғзор; **~óй суп** занбӯруғшӯрбо ◇ **~óй дождь** борони гургакон

гриб||óк *м* 1. *уменьш. к* **гриб**; 2. *биол.* мағор, пупанак; **дрожжевые ~ки** мағори хамиртуруш

гри́в||а *ж* 1. ёл, фуш; **кóнская ~а** ёли асп; **львиная ~а** ёли шер // *(о волосах)* мӯи (кокули) дароз; **густáя ~а волóс** муи ғафси дароз 2. *(поросшая лесом возвышенность)* теппаи ҷангалӣ 3. *(отмель)* синор ◇ [**и**] **в хвост и в ~у** бо тамоми қувва, то ҷон доштан; **гнать в хвост и в ~у** *прост.* бо тамоми қувва тозондан (пеш кардан)

гривáстый, -ая, -ое *прост.* ёлдор, ёлдароз; сермӯй, мӯйдароз

гри́венник *м разг.* пули (тангаи) даҳтинӣ

гри́вистый, -ая, -ое ёлдор; **~ волк** гурги ёлдор

гри́вна *ж* 1. *ист.* гривна *(воҳиди пул дар Руси Қадим)* 2. *уст.* *(десять копеек)* даҳ тин, пули (тангаи) даҳтинӣ 3. *(украшение)* зеби гардан

гривуáзный, -ая, -ое *уст.* бетакаллуф, густох, сабук

григориáнск||ий, -ая, -ое: **~ий календáрь, ~ое летосчислéние** тақвими Григорий *(тақвиме, ки дар соли 1582 дар давраи папа Григорий XIII ба ҷои тақвими Юлий ҷорӣ шуда буд)*

гризéтка *ж уст.* қаҳба

грильяж *м* грильяж *(конфети лавз)*

грим *м* грим (1. *рангҳо барои рухсори актёр, чизҳои ба рӯй часпондашаванда ва ғ.* 2. *намуде, ки роли иҷрошаванда онро талаб мекунад)*; **игрáть в ~е** бо грим бозӣ кардан

гримáс||а *ж* 1. рӯй туршкунӣ, лабу рӯй бурмакунӣ; **сдéлать презрительную ~у** нафратомез рӯй турш кардан; **кóрчить ~ы** лабу рӯйро бурма кардан 2. *перен.* иллат; **~ы жизни** иллатҳои зиндагӣ

гримáсник *м разг.* рӯй туршкунанда, лабу рӯй бурмакунанда

гримáсничанье *с* *(по знач. гл.* **гримáсничать)** рӯй турш кардан(и), лабу рӯй бурма кардан(и)

гримáсничать *несов.* 1. рӯй турш кардан, лабу рӯй бурма кардан 2. нозунуз кардан; чашму абрӯ паррондан

гримёр *м* гримкунанда, устои грим

гримёрн||ый, -ая, -ое ...и грим, ...и гримсозӣ; ...и гримкунӣ; **~ая кóмната** *и в знач. сущ.* **гримёрная** *ж* гримхона

гримёрский, -ая -ое ...и гримкунанда, ...и устои грим

гримёрша *разг. женск. к* **гримёр**

гримировáльн||ый, -ая, -ое ...и гримкунӣ; **~ые крáски** рангҳои гримкунӣ

гримировáние *с* *(по знач. гл.* **гримировáть)** гримкунӣ; *(по знач. гл.* **гримироваться)** вонамудкунӣ

гримировáть *несов. кого-что* грим кардан; **~ себé лицó** рӯи худро грим кардан

гримировáться *несов.* 1. худро грим кардан 2. *под кого перен.* вонамуд кардан 3. *страд.* грим карда шудан

гримирóвка *ж см.* **гримировáние**

грипп *м* грипп; **заболéть ~ом** грипп шудан

гриппoвать *несов. разг.* ғирифтори грипп будан

гриппóзный, -ая, -ое ...и грипп; **~ больнóй** бемори грипп

гриф I *м* 1. *миф* гриф *(дар асотири қадим — шери қанотдори уқобсар)* 2. *зоол.* каргас

гриф II *м муз.* даста *(оид ба танбур, дутор ва дигар асбобҳои мусиқии тордор)*

гриф III *м (штемпель)* мухр *(мӯҳре, ки дар вай тасвири имзои ягон кас ё матни дастхате канда шудааст ва нақши ин гуна муҳр)*

гри́фель *м* сангқалам, лавҳасанг

гри́фельн||ый, -ая, -ое, ...и сангқалам, ...и лавҳасанг; **~ая доскá** лавҳасанг

грифóн *м* 1. *см* **гриф** I 1; 2. грифон *(саги дарозмӯи шикорӣ)*

гроб *м* 1. тобут 2. *уст.* *(гробница)* марқад, гур 3. *в знач. сказ. прост.* *(конец, гибель)* тамом вассалом ◇ **до ~а, по ~** [**жизни**] *прост.* то дами марг, то мурдан[а]; **в ~ вогнáть (вколотить)** азоб дода куштан; **в ~ глядéть** пой ба лаби гур будан; **идти за ~ом** аз паси тобут рафтан; **хоть в ~ ложись** замин сахт — осмон баланд

грóби||ть *несов. кого-что прост.* нобуд (вайрон, хароб) кардан; **он ~т всё дéло** вай ҳама корро вайрон мекунад

гробни́ц||а *ж* мақбара, дахма; **раскóпки дрéвней ~ы** ҳафриёти мақбараи қадим

гробов||óй, -áя, -óе 1. ...и тобут 2. *уст.* ...и қабр, ...и гур, ...и лаҳад 3. *уст.* мурдавор, мурда барин; **~áя блéдность** мурда барин рангпарида ◇ **~óй гóлос** овози пасти мудҳиш; **~óе молчáние** сукунати том; **~áя тишинá** хомушии харобот; **до ~óй доски** то мурдан, то дами вопасин

гробовщи́к *м* тобутсоз

гробокопáтель *м* 1. *уст.* гурков, гӯркан 2. *перен. ирон.* кӯҳнаков, атиқапараст

грог *м* грог *(машруботи зуре, ки аз оби ҷуш, қанд, арақ ё ром тайёр мекунанд)*

гроз||á *ж* 1. раъду барқ; **разрази́лась ~á** якбора раъду барқ сар шуд; **~á кóнчилась** раъду барқ тамом шуд 2. *перен.*: **лев — ~á лесóв** шер подшоҳи ҷангаласт; **~á шкóлы** шӯрапушти мактаб 3. *перен.* офат, бало, фалокат; **он чýвствовал нави́сшую над ним ~ý** у фалокати ба сараш ояндаро ҳис мекард

гроздеви́дный, -ая, -ое хушамонанд

грозд||ь *ж* хуша, сар; **~и (~ья) виногрáда** сарҳои ангур

грози́ть *несов. кому-чему* 1. таҳдид кардан, тарсондан, дуғ задан; **~ войнóй** таҳдиди ҷанг кардан; **~ пáлкой** калтак бардошта тарсондан 2. дар зери хавф будан; **емý грози́т опáсность** вай дар зери хавф аст

грози́ться *несов. прост. см.* **грози́ть** 1

грóзно *нареч.* таҳдидомез; **~ взглянýть на когó-л.** ба касе таҳдидомез нигоҳ кардан

гро́зн||ый, -ая, -ое (гро́з|ен, -на́, -но) 1. мудҳиш, таҳдидомез, даҳшатнок; **~ый взгляд** нигоҳи мудҳиш; **~ые слова́** суханони таҳдидомез; **~ое ору́жие** аслиҳаи даҳшатбор 2. *разг.* бераҳм, сангдил, бадхашм; **~ый муж** шавҳари бераҳм

грозов||о́й, -ая, -о́е ...и раъду барқ; **~ая ту́ча** абри раъду барқ

гром *м* 1. тундар, раъд, момоқулдуроқ; **раскаты ~а** ғурриши тундар; **грохо́чет ~** раъд меғуррад 2. *перен.* ғурриш, гулдуррос; **~ аплодисме́нтов** гулдурроси чапакзанӣ; **~ канона́ды** гулдурроси туппаронӣ ◇ **как ~ом поражённый** моту мабҳут; **как ~ средѝ я́сного не́ба** мисли балои ногаҳонӣ; **мета́ть ~ы и мо́лнии** оташин шудан; **пока́ ~ не гря́нет** то табар омадан, кунда осудаст; **разрази́ [меня́] ~** хок ба сарам, ки ...; бало занадам!

грома́д||а I *ж* азамат, чизи азим; **~ы гор** кӯҳҳои азим

грома́да II *ж ист.* громада (*общинаи замин дар Украина ва Белоруссияи пешазреволюционӣ; ҷамъомади ин община*)

грома́дина *ж разг.* чизи бузург, чизи бисьёр калон, чизи азим

грома́дность *ж* бузургӣ, азимӣ, калонӣ

грома́дн||ый, -ая, -ое (грома́д|ен, -на, -но) бузург, бисьёр калон, азим; **~ый дом** хонаи бузург; **~ое значе́ние** аҳамияти бузург

громи́ла *м* 1. *разг.* (*вор-взломщик*) дузд, дузди қулфшикан 2. (*участник погромов*) тороҷгар, ғоратгар

громи́ть *несов. кого-что* 1. тороҷ (хароб, ғорат) кардан, ба замин яксон кардан 2. шикаст додан, торумор кардан; **~ неприя́теля** душманро шикаст додан 3. *перен. разг.* фош кардан, миси касеро баровардан

гро́мк||ий, -ая, -ое (гро́м|ок,-ка́, -ко) 1. баланд; **~ие голоса́** овозҳои баланд; **~ое пе́ние** сурудхонии баланд; **~ое чте́ние** хониши баланд 2. *перен.* машҳур, баланд; овозадор, пурғулғула; **~ое и́мя** номи машҳур; **~ий проце́сс** мурофиаи овозадор; **~ая сла́ва** шуҳрати баланд 3. *перен.* тумтароқ; хушку холӣ; **~ие обеща́ния** ваъдаҳои хушку холӣ; **~ие фра́зы** гапҳои тумтароқ

гро́мко *нареч.* баланд, сахт, бо овози баланд; **~ рассмея́ться** қаҳқос зада хандидан

громкоговори́тель *м* карнаи радио

громкоголо́сый, -ая, -ое баландовоз

гро́мкость *ж* баландии овоз, зӯр будани овоз; **~ зву́ка** баландии овоз

громове́ржец *м книжн. поэт.* барқафкан (*сифати Зевс — Юпитер*)

громов||о́й, -ая, -о́е 1. ...и раъд, ...и тундар; **~ые раска́ты** гулдурроси тундар; **~о́й уда́р** ғурриши раъд 2. *перен.* раъдосо, гушкаркунанда; **~о́й го́лос** овози гушкаркунанда 3. *перен.* сахт, пурҷӯшу хуруш; **произнести́ ~у́ю речь** нутқи пурҷӯшу хуруш эрод кардан

громогла́сно *нареч.* бо овози баланд, бо овози гушкаркунанда; **~ объяви́ть** бо овози баланд эълон кардан

громогла́сн||ый, -ая, -ое (громогла́с|ен, -на, -но) (*о голосе*) бисьёр баланд (*дар бораи овоз*); (*о человеке*) баландовоз ◇ **~ое заявле́ние** баёноти кушоду равшан

громозву́чный, -ая, -ое (громозвуч|ен, -на, -но) *уст. книжн.* бисьёр баланд, пуртантана; **~ го́лос** овози бисьёр баланд

громозди́ть *несов. что* ба як ҷо туб кардан, ба як ҷо туда кардан; болои ҳам гузоштан; **~ ме́бель** мебельро болои ҳам гузоштан // *перен.* анбоштан, ғундоштан; **~ фа́кты** фактҳоро анбоштан

громозд||и́ться *несов.* 1. ба болои чизе туда-туда шудан, болои ҳам гузошта шудан; **беспоря́дочно ~я́тся огро́мные зда́ния** иморатҳои калон бетартибона ҷой гирифтаанд 2. *разг.* бо машаққат ба болои чизе баромада ҷойгир шудан; **~и́ться на коня́** ба зӯр ба асп савор шудан

громо́здкий, -ая, -ое (громо́зд|ок, -ка, -ко) калону вазнин, бесулуқай, ноҳинҷор

громо́здкость *ж* калонию вазнинӣ, бесулуқӣ, ноҳинҷорӣ

громоотво́д *м* барқгардон

громоподо́бный, -ая, -ое (громоподоб|ен, -на, -но) раъдосо, тундармонанд; бисьёр баланд, гушкаркунанда; **~ го́лос** овози раъдосо, овози гушкаркунанда

гро́мче *сравн. ст. к* **гро́мкий** 1 *и к* **гро́мко**

громыха́нье *с* (*по знач. гл.* **громыха́ть**) гулдурросзанӣ, ғурриш

громыха́||ть *несов. разг.* гулдуррос задан, ғурридан, шақаррос задан; **~л гром** раъд меғуррид

громыхну́ть *сов. разг. однокр. к* **громыха́ть**

гросс *м ком.* гросс (*андозаи ҳисоби молҳои чарчинворӣ баробари 144 дона*)

гроссбу́х *м бухг.* гроссбух (*дафтари асосии дахлу харҷ*)

гроссме́йстер *м шахм.* гроссмейстер (*унвони олии устоди шоҳмот*)

гроссме́йстерск||ий, -ая, -ое ...и гроссмейстер, гроссмейстерӣ; **~ое зва́ние** унвони гроссмейстерӣ

грот I *м* (*пещера*) ғор, мағора

грот II *м мор.* грот (*бодбони поёнии сутуни киштӣ*)

гроте́ск *м* 1. *лит., иск.* муболиға, иғроқ 2. *полигр.* гротеск (*номи як хел ҳарфҳои матбаа*)

гроте́скный, -ая, -ое (гроте́скн|а, -о) *лит., иск.* иғроқомез

гроте́сковый, -ая, -ое *см.* **гроте́скный**

грох *межд. в знач. сказ. разг.* таппи афтодам (афтодӣ, афтод *ва ғ.*); **он ~ на зе́млю** вай таппи ба замин афтид

грохаться *несов. см.* **гро́хнуть(ся)**

гро́хну||ть *сов. и однокр. разг.* 1. гулдуррос задан, шақаррос задан; **~ли пу́шки** тупҳо гулдуррос заданд // (*упасть*) гулдуррос (гурсос) зада афтондан // *чем* тақҡи задан; **~ть кулако́м по́ столу** мизро бо мушт тақҡи задан 2. *кого-что* шақарросзанон мондан (афтондан); **~ть подно́с с посу́дой** лаълин пур аз зарфро шақарросзанон мондан (афтондан)

гро́хнуться *сов. разг.* гулдуррос (гурсос) зада афтидан, ба *чизе* бархурдан; **~ на зе́млю** гурсос зада ба замин афтидан

гро́хот I *м* (*сильный шум*) гулдуррос, гумбуррос, шақаррос, ғурриш, тақар-тақар; **с ~ом подкати́л по́езд** поезд гулдурросзанон омад; **~ ору́дий** гулдурроси тупҳо

гро́хот II *м* 1. *тех.* (*решето*) ғалбери калон, чошғалбер 2. *обл.* (*корзина*) сабади калон

грохота́нье *с* (*по знач. гл.* **грохота́ть**) гулдуррос (гумбуррос) задан(и), ғурриш, шақаррос, тақар-тақар

грохота́||ть *несов.* 1. гулдуррос задан, ғуррос задан, шақаррос задан, тақар-тақар кардан; **грохо́чет гром** тундар гулдуррос мезанад; **~ли ору́дия** тупҳо гулдуррос мезаданд 2. *прост.* (*хохотать*) қаҳқос задан, қоҳ-қоҳ хандидан

грохоти́ть *несов. что тех.* ғалбер кардан, аз ғалбер гузарондан, бехтан

грохоче́ние *с тех.* ғалберкунӣ, аз ғалбер гузарондан(и), безиш

грош *с* 1. *уст* (*монета*) пули нимтинӣ, пули сиёҳ, фулус 2. *чаще мн.* **гроши́** *разг.* (*ничтожная сумма*) пули кам (ночиз), ду пул; **ему́ плати́ли ~и́** ба у пули ночиз медоданд; **э́то сто́ит ~и́** ин бисьёр арзон аст; **за ~и́** бисьёр арзон, хоки сиёҳ, муфт 3. *мн.* **гро́ши** *обл.* (*деньги*) пул 4. (*мелкая разменная монета в Польше и Австрии*) пули майда (*дар Польша ва Австрия*) **~ цена́ [в база́рный день]** *кому-чему*, **~а́ ме́дного (ло́маного) не сто́ит** ба як пули сиёҳ (пучак) ҳам намеарзад; якпула чиз, якпула одам; **ни ~а́ (ни гроша́) нет, ~а́ (гро́ша) нет, [ни] ~а́ за душо́й нет** як пули сиёҳ ҳам нест; **не дать ни ~а́** ҳеҷ чиз надодан; **ни в ~ не ста́вить** *кого-что* ба як пул нагирифтан, ҳеҷ писанд накардан; **ни за ~** беҳуда, муфт; **пропа́сть ни за ~** беҳуда нобуд шуда рафтан; **ни на ~ нет тала́нта** заррае ҳам истеъдод надорад; **оста́ться (сиде́ть) без ~а** бе як тин мондан; **не́ было ни ~а́, да вдру́г алты́н** *погов.* ≈ бахт агар мадад кунад, ту писари кӣ немегуяд

грошо́в||ый, -ая, -ое 1. *уст.* нимтина 2. *разг.* бисьёр арзон, муфт; **~ая цена́** баҳои бисьёр арзон 3. *перен.* андак, ночиз, майда-чуйда; **~ое жа́лованье** маоши ночиз

гру́бер *м* грубер (*культиватор барои чуқур ковок кардани хок*)

грубе́ть *несов.* 1. шахшул шудан (*оид ба пуст ва ғ.*) 2. (*о голосе*) ғафс шудан 3. (*о человеке*) дағал шудан, беадаб (бадмуомила) шудан

груби́ть *несов. кому и без доп.* гапи дурушт задан, дағалӣ кардан, бадмуомилагӣ кардан

грубия́н *м разг.* одами дағал (бадмуомила)

грубия́нить *несов. разг.* рафтори дурушт кардан, гапи дурушт задан, дағалӣ кардан, бадмуомилагӣ кардан

грубия́нка *женск. к* **грубия́н**

грубия́нство *с разг.* бадмуомилагӣ, дағалӣ, бадзабонӣ

гру́бо *нареч.* 1. бад, безеб; дағалона, дурушт 2. *(о голосе)* ғафс, дурушт, дағал; **его́ го́лос звуча́л ~** овози вай ғафс буд 3. *(резко, неучтиво)* дағалона, беадабона; сахт; **~ говори́ть с ке́м-л.** бо ягон кас дағалона гап задан 4. умуман, тахминан; **~ говоря́** умуман гуем

грубова́тый, -ая, -ое (грубова́т, -а, -о) шахшултар; андаке дурушт, дағалнамо

гру́бость *ж* 1. дуруштӣ, дағалӣ, шахшулӣ; **~ ко́жи** шахшулии пуст; **~ тка́ни** дуруштии матоъ 2. дағалӣ, бадмуомилагӣ, бадгапӣ; **говори́ть гру́бости** бадгапӣ кардан; **~ обраще́ния** бадмуомилагӣ 3. ғафсӣ, дуруштӣ *(дар бораи овоз)*

грубошёрстн||ый, -ая, -ое дурушт-пашм; **~ые о́вцы** гуспандҳои дурушт-пашм; **~ое сукно́** моҳути дурушт

гру́б||ый, -ая, -ое (груб, -а́, -о) 1. дурушт, шахшул; **~ая ткань** матои дурушт 2. *перен.* дағалона, ноуҳдабароёна, ошкоро; **~ая лесть** тамаллуқи ошкоро 3. дурушт, дағал, ноҳамвор, носуфта; **~ая пове́рхность** сатҳи ноҳамвор; **~ая ко́жа** чарми дурушт 4. сахт, ғафс, нофорам; **~ый го́лос** овози ғафс; **~ый хо́хот** хандаи сахт 5. дағал, беадабона, бад, ҷоҳилона; **~ое обраще́ние** муомилаи бад; **~ые слова́** суханони дағал 6. дағалона, фоҳиш; **~ое наруше́ние дисципли́ны** дағалона вайрон кардани интизом; **~ая оши́бка** хатои дағал, ғалати фоҳиш 7. хомакӣ, тахминӣ, руякӣ; **~ый подсчёт** ҳисобу китоби хомакӣ ◇ **~ые корма́** *с.-х.* хӯшоки дурушт *(коҳу хасбеда)*; **~ая пи́ща** хуроки бадҳазм

гру́да *ж* туда, пушта, ғарам, хирвор; **~ книг** як даста китоб, тудаи китоб; **~ обло́мков** тудаи шикастпора; **~ разва́лин** хароба

груда́стый, -ая, -ое (груда́ст, -а, -о) *прост.* синакалон

груди́на *ж* 1. *анат.* туш, устухони сандуқи дил 2. *см.* **груди́нка**

груди́нка *ж* 1. гушти туш, гушти сина 2. туши бирьён, хӯроки аз гушти туш пухташуда

груди́нный, -ая, -ое тушӣ, ...и туш

гру́диться *несов. прост.* туб шудан, туда шудан, дар як ҷо ҷамъ шудан; села шудан

гру́дка I *ж уменьш. к* **гру́да**

гру́дка II *ж уменьш.-ласк. к* **грудь**

грудни́ца *ж мед.* дарди сина, дарди пистон *(варами ғадуди пистон)*

грудн||о́й, -ая, -ое 1. ...и сина, ...и сандуқи дил; **~а́я клётка** *анат.* сандуқи дил (сина), қафасаи сина ‖ *уст.* *(лёгочный)* ...и шуш; **~ы́е боле́зни** касалиҳои шуш 2. ширмак, ширхур; **~о́й ребёнок** бачаи ширмак; **в ~ом во́зрасте** дар ширхорагӣ ◇ **~о́й го́лос** овози ҷарангосӣ; **~а́я жа́ба** *уст. мед.* зиққи нафас, нафастангӣ

грудобрю́шн||ый, -ая, -ое: **~ая прегра́да** *анат.* пардаи сандуқи дил

груд||ь *ж* 1. сина, пистон, сари дил, туш; **впа́лая ~ь** синаи фурурафта; **широ́кая ~ь** синаи фарох; **боль в ~и́** дарди сари дил; **прижа́ть к ~и́** ба сари дил зер кардан; **сла́бая ~ь** шуши иллатнок; **дыша́ть по́лной ~ью** нафаси чуқур кашидан ‖ *(о сердце, душе)* дил 2. сина, пистон; **брать ~ь** синаи модарро макидан, сина гирифтан; **корми́ть ~ью** сина (пистон) додан; **отня́ть от ~и́** аз сина баровардан 3. *(часть одежды)* пеш; **~ь руба́шки** пеши курта ◇ **~ь колесо́м** *у кого* синафарох; **~ь с ~ью, ~ь на ~ь** *(би́ться, сража́ться, сойти́сь и т. п.)* ру ба ру, ру ба ру истода, даст ба гиребон (шудан, бархурдан); **~ью проложи́ть себе́ доро́гу** бо заҳмат ба худ роҳ кушодан, бо машаққат роҳ ёфтан; **стать ~ью** *за кого-что* сина сипар кардан; **пригре́ть змею на ~и́** мор дар бағал парваридан

груже́ние *с (по знач. гл.* **грузи́ть***)* боркунӣ, ҳамл

гру́женный *прич.* (груж|ён, -ена́, -ено́) бор кардашуда

гружён||ый, -ая, -ое борнок, пурбор; **~ые това́рные ваго́ны** вагонҳои боркаши пур

груз *м* 1. бор; **тяжёлый ~** бори вазнин 2. *(товары, кладь)* бор, мол; **парохо́д с ~ом** киштии пурбор

груздь *м* груздь *(навъи занбӯруғи сафед)*; **назва́лся груздём — полеза́й в ку́зов** *посл.* ≈ худатро паҳлавон ки гуфтӣ, ба майдон даро

грузи́ло *с* лангарчаи шасти моҳигирӣ

грузи́н *м* гурҷӣ

грузи́нка *ж* гурҷизан, гурҷидухтар, зани (духтари) гурҷӣ

грузи́нский, -ая, -ое гурҷӣ, ...и гурҷиҳо; ...и Гурҷистон; **~ язы́к** забони гурҷӣ

грузи́ны *мн.* гурҷиҳо

грузи́ть *несов. что* 1. бор кардан; **~ су́дно това́рами** ба киштӣ мол бор кардан 2. гузоштан, чидан, бор кардан; **~ дрова́ на ба́ржу** ба баржа ҳезум бор кардан

грузи́ться *несов.* 1. бор қабул кардан, бор гирифтан 2. бор шудан, савор шудан 3. *страд.* бор карда шудан

грузне́ть *несов. разг.* вазнин (дамбал) шудан

гру́зно *нареч.* вазнин(она), дамбалона; **~ опусти́ться на стул** дамбалона ба стул нишастан

гру́зность *ж* вазнинӣ, дамбалӣ, танумандӣ

гру́знуть *несов. обл.* ғутидан, фуру рафтан, ғарқ шудан

гру́зн||ый, -ая, -ое (гру́з|ен, -на́, -но) 1. *(тяжёлый)* вазнин, бесулукай ‖ *(о человеке)* вазнин, дамбал, тануманд; **~ая фигу́ра** одами дамбал ‖ *(о походке)* вазнин-вазнин; **~ые шаги́** қадамҳои вазнин-вазнин 2. *(тяжело нагруженный)* пурбор

грузови́к *м* автомобили боркаш

грузовладе́лец *м* соҳиби бор

грузов||о́й, -ая, -ое ...и бор, ...и боркаш; **~о́й тра́нспорт** нақлиёти боркаш; **~а́я маши́на** мошини боркаш

грузооборо́т *м* гардиши бор; миқдори борҳои кашондашуда

грузоотправи́тель *м* борфиристанда

грузоперево́зка *ж* боркашонӣ, бурду оварди бор

грузоподъёмник *м* мошини борбардор

грузоподъёмность *ж* борбардорӣ, қобилияти борбардорӣ, иқтидори борбардорӣ; **~ су́дна** иқтидори борбардории киштӣ

грузоподъёмный, -ая, -ое борбардор; **~ кран** ғарғараи (крани) борбардор

грузополуча́тель *м* борқабулкунанда, гирандаи бор

грузопото́к *м* боркашонӣ

гру́зчик *м* борбардор, ҳаммол

грум *м* грум *(дар Европаи Ғарбӣ, дар Россияи пешазреволюционӣ нукаре, ки савора ба сафари асилзодагон ҳамроҳӣ мекард, инчунин бачаи нукар)*

грунт *м* 1. замин, хок; **твёрдый ~** замини сахт ‖ *(твёрдое дно)* хоки таги об; **до́нный ~** хоки таги об; **песча́ный ~ реки́** таги регдори дарьё 2. *жив.* *(слой краски)* таҳранг; **наложи́ть ~** таҳранг молидан

грунтова́ние *с (по знач. гл.* **грунтова́ть***)* таҳрангмолӣ, таҳранг молидан(и)

грунтова́ть *несов. что* таҳранг молидан

грунтова́ться *несов. страд.* таҳранг молида шудан

грунто́вка *ж* 1. *см.* **грунтова́ние**; 2. *см.* **грунт** 2

грунтов||о́й, -ая, -ое 1. хокӣ, ...и хок, зерихокӣ,еризаминӣ; **~ы́е во́ды** обҳои зеризаминӣ; **~а́я доро́га** роҳи бефарш 2. *жив.* ...и таҳранг, таҳрангӣ

грунто́вочный, -ая, -ое ...и таҳрангмолӣ, таҳрангӣ

групо́рг *м* (группово́й организа́тор) ташкилотчии гуруҳ

гру́пп||а *ж в разн. знач.* гуруҳ; **~а бойцо́в** ғуруҳи ҷанговарон; **~а студе́нтов** гуруҳи студентон; **~а растени́й** гуруҳи растаниҳо; **собира́ться ~ами** гуруҳ-гуруҳ ғун шудан; **сня́ться ~о́й** гуруҳ шуда сурат гирифтан ◇ **~а кро́ви** навъи хун

группи́рование *с см.* **группиро́вка** 1

группирова́ть *несов. кого-что* ба гуруҳҳо ҷудо кардан, гуруҳ-гуруҳ кардан

группирова́ться *несов.* 1. *(собираться в группы)* гуруҳ-гуруҳ шудан 2. *страд.* ба гуруҳҳо ҷудо карда шудан

группиро́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **группирова́ть***)* гуруҳ-гуруҳ кардан(и); *(по знач. гл.* **группирова́ться***)* гуруҳ-гуруҳ шудан(и) 2. гуруҳ

гру́ппка *ж уменьш. к* **гру́ппа**

группово́д *м* роҳбари гуруҳ

группов||о́й, -ая, -ое гуруҳӣ, ...и гуруҳ, ...и гуруҳҳо; **~ы́е заня́тия** машғулияти гуруҳӣ; **~о́й портре́т** портрети гурӯҳи одамон ◇ **~о́й брак** *ист.* никоҳи гуруҳӣ *(шакли қадимтарини никоҳ, ки марди гуруҳе бо ҳар зани*

гурӯҳи дигар зиндагӣ карда метавонист)

группо̀вщи́на *ж* гуруҳбозӣ

грусти́ть *несов. о ком-чём и без доп.* дилтанг (зиқ) шудан, маҳзун (ғамгин) будан

гру́стно 1. *нареч.* ғамгинона, маҳзунона; ~ **улыбну́ться** маҳзунона табассум кардан 2. *в знач. сказ. безл.* ғамгин (зиқ, дилтанг) аст; **мне ста́ло** ~ дилам танг шуд, зиқ шудам

гру́стн||ый, -ая, -ое (гру́ст|ен, -на́, -но) 1. ғамгинона, маҳзун(она), дилтангкунанда; ~**ая улы́бка** табассуми ғамгинона 2. ҳузновар, ғамангез, ғамовар; ~**ая карти́на** расми ҳузновар; ~**ая пе́сня** суруди ғамангез; ~**ые результа́ты** натиҷаҳои ғамовар

грусть *ж* андуҳ, ҳузн, ғам, дилтангӣ, зиқӣ; **безысхо́дная** ~ ғами бепоён; **с** ~**ю говори́ть о чём-л.** дар бораи чизе бо андуҳ гап задан

гру́ша *ж* 1. *(дерево)* дарахти мурӯд, дарахти нок; *(плод)* мурӯд, нок, ношпотӣ 2. чизи мурӯдшакл; **рези́новая** ~ *спорт.* лулаи муштзанӣ

грушеви́дный, -ая, -ое (грушеви́д|ен, -на, -но) мурӯдшакл, нокмонанд

грушев||ый, -ая, -ое ...и мурӯд, ...и нок, ...и ношпотӣ; ~**ое де́рево** дарахти мурӯд; ~**ый сиро́п** шарбати мурӯд

грушо́вка *ж* 1. *(грушевая наливка)* шароби нок, маи нок 2. *(дерево и плод)* грушовка *(навъи дарахти себ ва меваи он)*

гры́жа *ж мед.* дабба, боди фатақ, чурра; **пупо́чная** ~ чурраи ноф

гры́жевый, -ая, -ое *мед.* ...и дабба, ...и боди фатақ, ...и чурра

грызло *с* сулуқ

грызня́ *ж разг.* 1. ҷанги ҳайвонҳо; **соба́чья** ~ ҷанги сагҳо 2. *перен.* муноқиша, ҷанҷол, низоъ

грыз||ть *несов.* 1. *что* хоидан, бо дандон шикаста хурдан; ~**ть кость** устухон хоидан; ~**ть оре́хи** чормағз шикаста хурдан 2. *кого-что перен. разг. (придираться, бранить)* хоидан, хурдагирӣ кардан, бо гап безор кардан 3. *кого-что перен. разг. (о мыслях, чувствах и т. п.)* азият додан, азоб додан; **его́** ~**ут сомне́ния** уро шакку шубҳа азоб медиҳад

гры́зться *несов.* 1. *(о животных)* якдигарро хоидан 2. *перен. разг.* ҷанҷол кардан, бо ҳамдигар низоъ кардан

грызу́н *м* хоянда

грымза *м ж прост.* пиракии сергап

грю́ндер *м* грюндер *(таъсисгари ҷамъияту корхонаҳои ҳаннотӣ, банк ва ғ.)*

грю́ндерский, -ая, -ое грюндерӣ, ...и грюндер

грю́ндерство *с* грюндерӣ *(таъсиси фаврии ҷамъиятҳо, муассисаҳои ҳаннотӣ, банкҳо ва ғ.)*

гряда́ *ж* 1. силсилакуҳ, қатортеппа; ~ **холмо́в** қатортеппа 2. ҷӯя, пушта; ~ **капу́сты** ҷӯяи карам 3. *(ряд однородных предметов)* силсила, қатор, рада

гря́диль *м. с.-х.* тири омоч

гря́дк||а *ж* 1. *уменьш. к* **гряда́** 2; ~**и цвето́в** ҷӯякҳои гул 2. девора *(девораи гирди ароба ё чана)*

гря́дков||ый, -ая, -ое ҷӯяк-ҷӯяк, ҷӯякӣ; ~**ая культу́ра** кишти ҷӯякӣ

грядно́й, -ая, -ое *прост. см.* **грядово́й**

грядово́й, -ая, -ое ҷӯякӣ, ҷӯяк-ҷӯяк

гряду́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич. уст.* оянда 2. *прил. высок.* оянда; минбаъда; ~**ие времена́** замонҳои оянда 3. *в знач. сущ.* **гряду́щее** *с высок.* оянда, истиқбол, пешомад ◇ **на сон** ~**ий** пеш аз хоб

грязеводолече́бница *ж* табобатхонаи бо лою обҳо муолиҷакунанда

грязев||о́й, -а́я, -о́е лоӣ; ~**ы́е вулка́ны** вулқонҳои лойфишон

грязелече́бница *ж* табобатхонаи бо лой муолиҷакунанда

грязелече́ние *с* муолиҷа бо лой

грязи́ща *ж разг.* лой, лойқа,ботқоқ

грязни́ть *несов. кого-что* 1. чиркин (лойолуд, гилолуд) кардан 2. *перен.* бадном кардан, доғдор кардан; ~ **до́брое и́мя** номи некро доғдор кардан, ба номи нек иснод овардан

грязни́ться *несов.* чиркин (лойолуд, гилолуд) шудан

гря́зно 1. *нареч.* чиркин, ифлос 2. *нареч.* манфурона, бад 3. *в знач. сказ. безл.* лой аст, чиркин аст; **на у́лице** ~ кӯча лой аст

грязну́ля *м, ж разг.* одами чиркин (ифлос)

гря́знуть *несов.* 1. ба лой ғӯтидан, олуда шудан 2. *перен.* бадахлоқ шудан

грязну́ха *м, ж см.* **грязну́ля**

гря́зн||ый, -ая, -ое (гря́з|ен, -на́, -но) 1. пурлой, лойолуд, гилолуд, чиркин; ~**ая доро́га** роҳи пурлой; ~**ые ру́ки** дастҳои чиркин 2. *перен.* мурдор, нафратовар; ~**ая исто́рия** ҳодисаи нафратовар 3. *(о цвете)* тира, хира, сиёҳтоб ◇ **ры́ться (копа́ться) в** ~**ом белье́** *кого, чьём* аз мағзи нохун чирк кофтан, айбҷӯӣ кардан

гряз||ь *ж* 1. лой, гил, лойқа; **меси́ть** ~**ь** дар лой гаштан 2. *мн.* **гря́зи** *мед.* лои шифоӣ (табобатӣ) 3. чирк, қарк, хокруба, ахлот; **покры́ться** ~**ью** қарк бастан 4. *перен.* мурдорӣ, фасод, разолат ◇ **броса́ть** ~**ью в кого́-л.** касеро сиёҳ (бадном) кардан; **вы́тащить из** ~**и кого́-л.** касеро аз ботлоқи бадномӣ кашида баровардан; **затопта́ть в** ~**ь кого́-л.** касеро бадном кардан, касеро ба хок яксон кардан; **не уда́рить лицо́м в** ~**ь** шарманда (руйсиёҳ) нашудан; **обли́ть кого́-л.** ~**ью** касеро бад кардан, дар ҳаққи касе бадгӯӣ кардан; **смеша́ть с** ~**ью, втопта́ть в** ~**ь** тӯҳмат (бадном, сиёҳ) кардан

гря́н||уть *сов.* 1. гулдуррос задан, ғурридан; ~**ул гром** раъд ғуррид 2. *что* ба нохост сурудан, навохтан, садо баровардан 3. якбора сар шудан, ғулғула андохтан ◇ **пока́ гром не** ~**ет** то табар омадан кунда осудаст

грясти́ *несов. уст. книжн.* наздик шудан, расидан *(дар бораи вақт)*

гуа́но *с нескл. с.-х.* гуано *(саргини хушки паррандагони баҳрӣ)*

гуа́шь *ж* гуашь (1. *навъи рангги акварель* 2. *сурати бо ҳамин ранг кашидашуда)*

гу́б||а I *ж* 1. лаб; **поджа́ть** ~**ы** лабҳоро зич кардан; **сжать** ~**ы** лаб фушурдан 2. *мн.* **гу́бы** дандонаи анбур (шиканҷа) ◇ **за́ячья** ~**а** лаби чок; **не по** ~**ам кому́-л.** *прост.* мувофиқ не, ношоям, номувофиқ ба касе; **закуси́ть** ~**ы** дандон ба дандон мондан; **наду́ть** ~**ы** лабу лунҷ овезон кардан, лаб дул кардан; **по** ~**а́м ма́зать (пома́зать)** *кого прост.* ваъдаҳои хушку холӣ додан, доман бо чормағзи пуч пур кардан; **молоко́ на** ~**а́х не обсо́хло** *прост.* аз даҳанаш бӯи шир меояд; **у него́ гу́ба не ду́ра** *прост.* вай мазаро медонад, вай ба таъми чиз меравад

губа́ II *ж (залив, бухта)* халиҷ; **Оне́жская** ~ халиҷи Онега

губа́ III *ж обл. и прост. (гриб)* қорч, занбуруғ

губа IV *ж ист.* губа *(воҳиди маъмурӣ дар Руси Москва)*

губа́н *м прост.* лабғафс, лабдул

губа́стый, -ая, -ое (губа́ст, -а, -о) *разг.* лабғафс, лабдул

губерна́тор *м* губернатор *(ҳокими губерния, штат)*

губерна́торск||ий, -ая, -ое ...и губернатор, губернаторӣ **положе́ние ху́же** ~**ого** *шутл.* ҳолати танг (ноҳинҷор), вазъияти сахт (ногувор)

губерна́торство *с* губернаторӣ

губерна́торствовать *несов.* губернаторӣ кардан

губерна́торша *ж разг.* зани губернатор

губе́рния *ж уст.* губерния *(воҳиди маъмурию территориявӣ дар Россия ва СССР то ба районҳо тақсимшавӣ)* || *прост. уст (город)* маркази губерния ◇ **пошла́ писа́ть** ~ *шутл.* ҳама ба такудав омаданд

губе́рнский, -ая, -ое *уст.* ...и губерния; ~ **го́род** маркази губерния

губи́тель *м* ҳалоккунанда, хоробкунанда, вайронкунанда, нобудкунанда

губи́тельница *женск. к* **губи́тель**

губи́тельно *нареч.* ҳалокатовар, ҳалокатасар; ~ **отрази́ться на чём-л.** ба чизе таъсири ҳалокатовар расонидан

губи́тельность *ж* ҳалокатоварӣ, харобноварӣ; ~ **чьего́-л. влия́ния** ҳалокатоварии нуфузи касе

губи́тельн||ый, -ая, -ое (губи́те|лен, -льна, -льно) ҳалокатовар, ҳалокатасар, харобиовар, хонумонсуз; ~**ое влия́ние** таъсири ҳалокатовар; ~**ые после́дствия** оқибатҳои ҳалокатовар

губи́ть *несов.* 1. *что* нобуд (ҳалок, хароб) кардан, ба ҳалокат расонидан, вайрон кардан; ~ **лес** бешаро хароб кардан; ~ **рабо́ту** корро вайрон кардан; ~ **хоро́шее начина́ние** ташаббуси хубро бар бод додан 2. *перен.* бар бод додан, барҳам задан, нобуд кардан; ~ **зря де́ньги** пулро беҳуда нобуд кардан; исрофкорӣ кардан; ~ **здоро́вье** саломатиро бар бод додан 3.

кого-что (убивать) ҳалок кардан, ба ҳалокат расондан 4. *перен.* бадбахт кардан

гу́бк||а I *ж уменьш.-ласк. к* **губа́** I ◇ **~и ба́нтиком** ғунчадаҳон, ғунчалаб

гу́бк||а II *ж* 1. *мн.* **гу́бки** *зоол.* исфанҷ 2. *(для мытья)* исфанҷ, абр *(барои таншуӣ)*; **мы́ться ~ой** худро бо исфанҷ шустушу кардан ◇ **впи́тывать [в себя] как ~а** рег барин ҷаббидан

гу́бка III *ж см.* **губа́** III

губн||о́й I, -а́я, -о́е 1. лабӣ, ...и лаб; **~а́я пома́да** лабсурхкунак 2. *лингв.* лабӣ; **~ы́е согла́сные** ҳамсадоҳои лабӣ

губно́й II, -а́я, -о́е *ист.* ...и халиҷ

губоцве́тные *в знач. сущ. мн. бот.* лабгулон *(оилаи растаниҳо аз қабили пудина, мармарак, ҳулбу ва ғ.)*

губошлёп *м прост.* 1. лабдул 2. *(растяпа)* даҳанъяла, даҳанвоз, ношуд

гу́бчатый, -ая, -ое *(пористый)* исфанҷӣ

гуверна́нтка *ж* гувернантка *(мураббияи хориҷии оилаи дворянҳо ва буржуазия)*

гувернёр *м* гувернёр *(мураббии хориҷии оилаи дворянҳо ва буржуазия)*

гугено́ты *мн. ист.* гугенотҳо *(протестантҳои асри 16—17-и Франция, ки аз тарафи калисои католикҳо ва ҳукумат таъқиб мешуданд)*

гугу́: **ни ~** *в знач. сказ.* 1) ором, дам, натақаш намебарояд 2) хомуш!, дам назан!, нафас ях!; **об э́том ни ~!** аз ин хусус дам назан!

гуд *м прост. см.* **гуде́ние**

гуде́ние *с (по знач. гл.* **гуде́ть**) ғуррос задан(и), ғуввос задан(и); *(звук)* овози гудок, овози буғ

гуд||е́ть *несов.* 1. ғуррос (ғуввос) задан, ғалоғула кардан; **~я́т голоса́** садоҳои ғалоғула ба гӯш мерасад; **~я́т толпа́** издиҳом ғавғо мекунад; **в уша́х ~и́т** *безл.* гушам ғуввос мезанад 2. гудок кашидан (задан), буғ задан; **~и́т гудо́к** гудок мезанад 3. *прост.* сим-сим дард кардан; **но́ги ~ят** пойҳоям сим-сим (зирик-зирик) дард мекунад

гудо́к I *м* 1. ҳуштаки механикӣ, ҳуштаки буғӣ 2. сигнал, гудок; **разда́лся ~ парохо́да** пароход гудок кашид

гудо́к II *м уст. муз.* гудок *(қадимтарин асбоби мусиқии сетораи русӣ)*

гудо́чник *м уст.* гудокнавоз

гудо́чный, -ая, -ое *уст.* ...и гудок

гудро́н *м* 1. гудрон, қатрон, қир 2. *разг.* роҳи қирфарш

гудрона́тор *м* гудронатор, гудронпош

гудрони́ровать *сов., несов. что* бо гудрон (бо қир) фарш кардан; **~ доро́гу** роҳро бо гудрон (бо қир) фарш кардан

гудрони́роваться *несов. страд.* бо гудрон (бо қир) фарш карда шудан

гудро́нн||ый, -ая, -ое ...и гудрон, ...и қир, гудронӣ, қирӣ // *(покрытый гудроном)* гудронфарш, қирфарш; **~ое шоссе** роҳи гудронфарш

гуж *м* 1. *(у хомута)* тасмаи хомут 2. *(гужевой транспорт)* аспу ароба ◇ **взя́лся за ~, не говори́, что не дюж** *посл.* ≈ «хӯш» ки гуфтӣ, «бу» нагуй

гужево́й, -а́я, -о́е 1. ...и тасмаи хомут; **~ реме́нь** тасмаи хомут 2. ...и аспу ароба, ...и аробакашӣ; **~ тра́нспорт** аспу ароба, аробакашӣ

гужо́м *нареч.* 1. *(на телегах, санях)* бо ароба, бо чана; **доста́вить что́-л. ~** чизеро бо ароба (бо чана) кашондан 2. *обл. (вереницей, гуськом)* қатор-қатор, паи ҳамдигар, дум ба дум

гуза́ *ж* ғуза

гу́зка *ж прост* 1. думғоза 2. *(нижняя задняя часть чего-л.)* қафо, ақиб, дунбол

гу́канье *с (по знач. гл.* **гу́кать**) чиррос задан(и), чир-чир кардан(и), қийғос задан(и); *(звуки)* чиррос, чир-чир, қийғос

гу́кать *несов. разг.* чиррос задан, чир-чир кардан, қийғос задан

гу́кнуть *сов. однокр. к* **гу́кать**

гул *м* ғуввос, ғурриш, гулдуррос, ғалоғула; **нея́сный ~ голосо́в** ғулғулаи норавшани овозҳо; **~ мо́ря** ғурриши баҳр

гулев||о́й, -а́я, -о́е *обл.* 1. холи, бекор; **~ы́е дни** рузҳои холӣ; **~о́й скот** чорпои айлоқӣ; **~а́я земля** замини партав (холӣ) 2. айёшона, ишратпарастона; **~а́я жизнь** зиндагии айёшона

гу́ливать *несов. разг. многокр. к* **гуля́ть** 1, 3

гу́лк||ий, -ая, -ое (гу́л|ок, -ка, -ко) 1. ҷарангосӣ, баланд; **~ий го́лос** овози ҷарангосӣ; **~ое э́хо** акси садои баланд 2. акси садодиҳанда; **~ие коридо́ры** роҳравҳои акси садодиҳанда

гу́лко *нареч.* ҷарангосзанон, қийғосзанон, баланд

гулли́вый, -ая, -ое *фольк. и прост.* сайлдуст; айшдуст, ишратпараст

гульба́ *ж прост.* кайфу сафо, майнушӣ, айшу ишрат

гу́льбище *с* 1. *уст. (место народного гулянья)* сайлгоҳ, сайргоҳ 2. *прост. (кутёж)* мастӣ, майхурӣ, айёшӣ

гуль-гу́ль, гу́ля-гуля *межд.* беҳ-беҳ, геҳ-геҳ *(тарзи ҷеғ задани кабутарон)*

гу́льден *м* гульден (1. *воҳиди пулии Нидерланд* 2. *пули тилло, сонитар пули нуқраи баъзе мамлакатҳои Европаи Марказӣ дар асрҳои 15—19)*

гу́лькин, -а, -о: **с ~ нос** *прост.* як киттӣ

гульну́ть *сов. однокр. к* **гуля́ть** 3

гу́ля *м, ж разг.* кабутарак, кафтарча

гуля́ка *м, ж разг.* маишатпараст, ишратпараст; **весёлый ~** маишатдусти беғам

гуля́нка *ж разг.* сайр, гардиш // *(пирушка)* зиёфат, базмча

гуля́нье *с (по знач.* **гуля́ть** 1) гардиш, сайр, сайру гашт; **~ по го́роду** сайри шаҳр; **первома́йское ~** сайру гашти якуми май; **наро́дное ~** сайл

гуля́||ть *несов.* 1. гардиш (сайр) кардан, сайру гашт кардан; **~ть в саду́** сайри боғ кардан // *перен. поэт.* вазидан, сайр кардан *(мас. дар бораи бод, офтоб ва г.)* 2. *разг.* кор накардан, истироҳат кардан, дам гирифтан; **он сего́дня ~ет** вай имруз кор намекунад // *(о земле)* партав (холӣ) будан *(оид ба замин)* 3. *разг.* майнушӣ (кайфу сафо, айшу ишрат) кардан, хурсандӣ кардан; **~ть на сва́дьбе** дар туй хурсандӣ кардан 4. *с кем прост.* ишқварзӣ кардан // *(распутничать)* бадахлоқӣ (фосиқӣ) кардан ◇ **~ть по рука́м** даст ба даст гаштан; **кни́га ~ет по рука́м** китоб даст ба даст мегардад

гуля́||ться *несов. безл. чаще с отриц. разг.* майли сайру гашт доштан, ҳаваси сайру гашт доштан; **мне не ~лось** ман ҳаваси сайру гашт надоштам

гуля́ш *м* гуляш, кабобча

гуля́щий, -ая, -ее *прост.* 1. айёш, ишратпараст 2. *(о женщине)* зани бадахлоқ (фосиқ), сабукпо

гума́й *м бот.* ғумой

гумани́зм *м* 1. инсониятпарварӣ, инсондустӣ, одамдустӣ; **социалисти́ческий ~** гуманизми социалистӣ 2. *ист.* гуманизм

гумани́ст *м* 1. инсонпарвар, одамдуст 2. *ист.* гуманист, намояндаи гуманизм

гуманисти́ческ||ий, -ая, -ое ...и гуманизм, гуманистӣ, гуманистона, инсонпарварона; **~ие иде́и** ғояҳои инсондустӣ

гуманитарн||ый, -ая, -ое 1. гуманитарӣ; **~ые нау́ки** фанҳои гуманитарӣ 2. *см.* **гума́нный**

гума́нно *нареч.* одамдустона, одампарварона; **поступи́ть ~** одамдустона рафтор кардан

гума́нность *ж* одамдустӣ, одамият, инсониятпарварӣ, одамгарӣ; **~ обраще́ния** одамгарона будани муносибат

гума́нн||ый, -ая, -ое (гума́н|ен, -на, -но) одамдуст, инсониятпарвар, одамона; **~ый челове́к** шахси одамдуст; **~ое обраще́ние** муомилаи одамгарона

гумённ||ый, -ая, -ое *с.-х.* ...и хирманҷо, хирманӣ; **~ые корма́** хошоки таги хирман

гу́мма *ж мед.* гумма *(варами бофтаҳои пайвасткунандаи ҳуҷайраҳои зери пусти узвҳои гуногун)*

гу́мми *с нескл.* елим, шилм, самғ, шереш

гуммиара́бик *м* елими (шереши) арабӣ, самғи арабӣ

гуммигу́т *м* гуммигут *(шираи ширмонанди баъзе дарахтҳои тропикӣ, ки дар техника ва тиб ба кор меравад)*

гумми́рование *с (по знач. гл.* **гумми́ровать**) шереш кардан(и); резинпуш кардан(и)

гумми́ровать *сов., несов. что* 1. шереш кардан 2. резинпуш кардан

гумми́роваться *несов. страд.* шереш карда шудан; резинпуш карда шудан

гуммо́з *м бот.* гуммоз *(касалии растаниҳо, ки аз пустаион шилми бисёр мебарояд)*

гуммо́зн||ый I, -ая, -ое *мед.* ...и гумма; **~ая о́пухоль** варами гумма

гуммо́зный II, -ая, -ое 1. *бот.* ...и гуммоз, гуммозӣ 2. *(содержащий камедь)* шилмдор, шерешдор

гумно *с.* 1. *(сарай)* анбори ғаллаи даравидашуда 2. *(площадка для молотьбы)* хирман, хирманҷо

гу́мус *м с.-х.* гумус *(қабати тираранги замин, ки аз пусиши растаниҳо ҳосил шудааст)*

гу́мусов||ый, -ая, -ое *с.-х.* гумусӣ; ~**ые вещества** моддаҳои гумусӣ

гундо́сить *несов. прост.* манқавор гап задан, бо димоғ гап задан

гундо́сый, -ая, -ое *прост.* манқа, бо димоғ гапзананда

гу́нны *мн.* ҳуннуҳо, гуннҳо *(қабилаҳои туркзабон, ки дар асрҳои 2-ум — 4-ум аз Шарқ ба ҷануби Россия гузашта, ба Европаи Ғарбӣ ҳуҷум карда буданд)*

гу́рия *ж* ҳур, пари // *уст. поэт.* нозанин

гурман *м* зуккахур, бамазахурак

гурма́нка *женск. к* **гурма́н**

гурма́нский, -ая, -ое зуккахурӣ, ...и зуккахур, ...и бамазахурак

гурма́нство *с* зуккахурӣ, бамазахуракӣ

гурт I *м (стадо)* пода, рама, туда, гала; ~ **рогатого скота** подаи ҳайвони шохдор // *(стая)* рама, села; **гуси́ный** ~ селаи қозҳо

гурт II *м* 1. *(ребро монеты)* қирраи тангаи сикка задашуда 2. *архит.* кандакории деворҳои биноҳо

гуртов||о́й, -ая, -о́е 1. подагӣ, рамагӣ, ...и пода, ...и рама 2. *разг. (оптовый)* яклухт, кутара; ~**ая продажа** савдои яклухти чорво

гуртовщик *м* 1. подабон, галабон 2. *уст. (владелец, продавец гурта)* говҷаллоб, гуспандҷаллоб, молҷаллоб

гурто́м *нареч. разг.* 1. яклухт, кутара; **покупа́ть** ~ яклухт харидан 2. туда шуда, гала шуда; **отпра́виться** ~ гала шуда рафтан

гуртопра́в *м* подабон, молпо

гурьб||а́ *ж разг.* туда, гала; ~**а́ мальчи́шек** тудаи бачагон // *в знач. нареч.* **гурьбо́й** туда (гала) шуда, туда-туда; **весёлой** ~**о́й** туда шуда маъгалу шодикунон

гусак *м* қози нар

гуса́р *м* гусар *(аскари махсуси савора)*

гуса́рский, -ая, -ое ...и гусарҳо, гусарӣ; ~ **полк** полки гусарҳо

гусево́дство *с* қозпарварӣ

гусево́дческий, -ая, -ое ...и қозпарварӣ

гу́сельн||ый, -ая, -ое ...и гусли; ~**ые стру́ны** торҳои гусли

гу́сем *нареч. уст. см.* **гусько́м**

гу́сеница *ж* 1. *зоол.* кирмак 2. *тех.* тасмачарх *(дар трактор, танк ва ғ.)*

гу́сеничный, -ая, -ое 1. *зоол.* ...й кирмак 2. *тех.* ...и тасмачарх; ~ **тра́ктор** трактори тасмачарх

гусёнок *м* чучаи қоз, қозчуча

гуси́н||ый, -ая, -ое ...и қоз, ...и ғоз; ~**ый го́гот** ғо-ғои қозҳо; ~**ое стадо** селаи қозҳо; ~**ое перо́** қалами пари қоз ◇ ~**ая ко́жа** мурғак; ~**ые лапки** оҷанги кунҷи чашм; ~**ый шаг** гашти намоишкорона

гуси́тск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и гуситҳо, гуситӣ; ~**ие во́йны** ҷангҳои гуситӣ

гуси́ты *мн. ист.* гуситҳо *(пайравони Ян Гус — пешвои ҳаракати миллии озодихоҳӣ ва зидди католики дар Чехияи асри 15)*

гу́сли *тк. мн.* гусли *(қадимтарин асбоби мусиқии русӣ, ки ба чанг монандӣ дорад)*

гусля́р *м* гуслинавоз

гусля́рный, -ая, -ое 1. ...и гуслинавозӣ 2. ...и гусли

густе́||ть *несов.* 1. ғализ (ғафс) шудан, бастан; **ка́ша** ~**ет** шӯла баста (ғафс шуда) истодааст 2. анбуҳ (зич, ғулӣ) шудан; **трава́** ~**ет** алаф анбуҳ шуда истодааст 3. ғафс шудан; ториктар шудан; **тума́н** ~**ет** туман ғафс мешавад; ~**ют ра́нние зи́мние су́мерки** дар зимистон торикӣ барвақт мефарояд

густи́ *несов. уст. и обл.* 1. *(играть на гуслях)* гусли навохтан 2. *(гудеть)* ғуввос задан; **ве́тер гудёт** шамол ғуввос мезанад

густи́ть *несов. что разг.* ғализ (ғафс) кардан

густи́ться *несов. разг.* ғализ (ғафс) шудан, бастан

гу́сто *нареч.* 1. ғафс, ғулӣ, зич, ҷафс; **дерёвья поса́жены** ~ ниҳолҳо зич шинонда шудаанд 2. ғализ, камоб 3. ғафс, бисьёр; ~ **посыпать хлеб со́лью** ба болои нон ғафс намак пошидан 4. *в знач. сказ. безл. разг.* анбуҳ (моломол, бисьёр, фаровон) аст; **то** ~, **то пу́сто** *погов.* ≈ гоҳ пури пуру гоҳ холии холӣ ◇ ~ **покраснеть** суп-сурх шудан *(аз хиҷолат)*

густо: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «бисьёр»:* **густоли́ственный** сербарг

густоволо́сый, -ая, -ое сермуй, ғулимуй

густ||о́й, -а́я, -ое (густ, -а, -о) 1. ғализ, ғафс, зич, анбуҳ, ғулӣ; ~**ые во́лосы** муи ғафс; ~**о́й куста́рник** паттазори ғулӣ 2. ғафс, ғализ, камоб; ~**о́й раство́р** маҳлули ғализ; ~**а́я смета́на** қаймоқи ғафс 3. ғафс; ~**о́й слой кра́ски** қабати ғафси ранг 4. баланд; ~**о́й цвет** ранги баланд 5. зич, ғафс, ҷафс; ~**о́й мрак** пардаи ғафси торикӣ; ~**о́й тума́н** тумани ғафс 6. *(низкий)* ғафс, ғализ; ~**о́й бас** овози ғафси мардона

густоли́ственный, густоли́стый, -ая, -ое сербарг

густонаселённ||ый, -ая, -ое серодам, сераҳолӣ; ~**ая ме́стность** маҳалли серодам

густопсо́вый, -ая, -ое 1. *охот.* серпашм *(дар бораи сагҳои тозии зотӣ)* 2. *перен.* зишт, гузаро, ашаддӣ

густота́ *ж* 1. ғализӣ, ғафсӣ, зичи, ғулигӣ; ~ **листвы́** сербаргӣ 2. ғализӣ, камобӣ; ~ **смета́ны** ғафсии қаймоқ 3. *(сочность)* баландӣ 4. *(непроницаемость)* зичӣ, ғализӣ 5. *(звука, тембра)* ғафсӣ, ғализӣ ◇ ~ **населе́ния** зичии аҳолӣ

густошёрстый, -ая, -ое серпашм

гусы́ня *ж* қози мода

гус||ь *м* қоз, ғоз; **ди́кие** ~**и** қозҳои ваҳшӣ; **разведе́ние** ~**ей** қозпарварӣ ◇ ~**ь ла́пчатый** *прост. ирон.* аз таги дор гурехта, қаллоби гузаро; **како́в (хоро́ш)** ~**ь!** *ирон.* оҳ муттаҳам!; оҳ қаллоб!; ~**ей дразни́ть** беҳуда асабонӣ кардан, ба шур андохтан; **как с** ~**я вода́** пушти ману табари қассоб

гусько́м *нареч.* паи ҳамдигар, дум ба дум; **идти́** ~ паи ҳамдигар рафтан; ҷингилақатор (турнақатор) рафтан

гуся́тина *ж* гушти қоз

гуся́тник *м* 1. *(помещение)* катаки қоз 2. *(крупный ястреб)* қарчиғай

гусятница *ж* 1. занаки қоз парваришкунанда 2. деги мурғпазӣ *(зарф барои бирьён кардани гушти қозу мурғобӣ)*

гу́та *ж уст.* заводи шиша

гутали́н *м* гуталин, равғани пойафзол

гуто́рить *несов. что и без доп. обл.* гап задан; гапзанон (суҳбат) кардан, чақ-чақ кардан

гуттапе́рча *ж* гуттаперча *(ширан ғафсшудаи баъзе растаниҳои тропики)*

гуттапе́рчевый, -ая, -ое ...и гуттаперча

гуцу́л *м* гуцул

гуцу́лка *ж* гуцулзан, гуцулдухтар

гуцу́лы *мн.* гуцулҳо *(украиниҳое, ки дар Карпат зиндагонӣ мекунанд)*

гуцу́льский, -ая, -ое ...и гуцулҳо, гуцулӣ; ~ **костю́м** либоси гуцулӣ

гу́щ||а *ж* 1. дурда, такшин, таҳнишин; **кофе́йная** ~**а** дурдаи қаҳва 2. ҷои анбуҳи ҷангал (беша); **в** ~**е ле́са** дар ҷои сердарахти беша 3. *перен.* байн, миёна, қаър; **в** ~**е собы́тий** дар қаъри воқеот; **из** ~**и наро́да** аз байни халқ ◇ **гада́ть на кофе́йной** ~**е** фарзу тахминҳои хом кардан, гумони ботил доштан

гу́ще *сравн. ст. к* **густо́й** *и к* **гу́сто**

гущин||а *ж прост.* 1. ғализӣ, ғафсӣ, ғулӣ будан(и) 2. ҷои анбуҳи ҷангал (беша); **в лесно́й** ~**е́** дар ҷои анбуҳи беша

Д

да I *частица* 1. *утв.* ҳа, ҳо, бале, оре; **все пришли́? — Да.** ҳама омаданд? — Ҳа; **да, конечно** ҳа, албатта 2. *(так, действительно)* ҳақиқатан, ҳақиқатан ҳам, дар воқеъ; **да, мно́го лет прошло́ с тех пор** ҳақиқатан ҳам аз байн бисьёр солҳо гузашт 3. *(кстати, в дополнение к сказанному)* воқеан, ҳа, гуфтагӣ барин; **да, чуть не забыл...** воқеан, қариб буд фаромуш кунам... 4. *(как же, как бы не так)* осон не, умед накун(ед); **да! заста́вишь его́ пое́хать туда́** вайро ба он ҷо фиристодан осон не! 5. *вопр.* ҳамин тавр?, ҳамту-мӣ?; **он уе́хал.— Да? а я и не знал** вай рафт.— Ҳамту-мӣ? ман бехабар // *(не правда ли?)* ҳамин тавр не?, албатта; **ты придёшь, да?** *ту албатта меой?* // *(«что?», «слушаю!» — напр. по телефону)* лаббай, гушам ба шумост

6. *усил.* э, наход; **да что с вами говорить!** э, бо шумо гап задан чӣ ҳоҷат!; **да не может быть!** наход ҳамин тавр бошад!; **это что-нибудь да значит** ин ҳазл не, ин албатта аҳамият дорад 7. *с повел.:* -чӣ, канӣ; **да вставай же!** хезӣ-чӣ!; **да пустите же!** сар диҳед-чӣ! 8. *с гл. 3 л. наст. и буд.* *(пусть)* бигузор, бод; **да здравствует наш геройческий народ!** зинда бод халқи қаҳрамони мо! ◇ **ай да...!** бале!, офарин!, салламно!; **ну да!** 1) *(как бы не так)* осон не, осон нашудааст 2) *(конечно)* албатта, шаке нест, ба ростӣ 3) *(неужели)* наход?; **я завтра полечу на Северный полюс.— Ну да?** ман пагоҳ ба Қутби Шимол мепарам.— Наход?; **да ну** 1) -э; **да ну его** равад-э 2) *то же, что* **ну да** 3; **[вот] это да!** *прост.* *(выражает восхищение)* у-ҳу!, ана халос!, бай-бай!, вах!

да II *союз* 1. *соед.* ва, ҳам, =у; **он да я** ману вай // *в сочет.:* **кожа да кости** пусту устухон; **хлеб да соль** нону намак 2. *присоед.* ҳам, ва ҳам, боз, ва боз, ва, =у; **какие же вы весёлые, да трудолюбивые!** шумоён аҷаб шодмону меҳнатдуст будаед! // *в сочет. с нареч.* «*ещё*», «*вдобавок*», «*притом*» ки..., зимнан, ва он, он ҳам, ҳам; **купил книгу, да ещё какую интересную** китобе харид(ам), ки хеле мароқовар аст 3. *против.* *(а, но, однако)* аммо, вале, лекин, =*у*; **он охотно бы сделал это, да у него нет времени** вай бо дилу ҷон ин корро мекард, аммо вақт надорад; **дорого — да мило...** қимат бе ҳикмат нест; **мал золотник, да дорог** *погов.* ≈ хурдтараки калонкор; тилло гарчи хурд аст, қиматаш бузург аст ◇ **да и** *союз* 1) *соед.* ва, ҳам, =у; **шёл мимо да и зашёл** гузорам афтоду даромадам 2) *присоед.* ҳам, ва ҳам, боз, ва боз, ва, =у; **я никогда не был в тех краях, да и вряд ли сумею побывать** ман ба он ҷоҳо ҳеҷ гоҳ нарафтаам ва гумон ҳам надорам, ки рафта метавонам 3) *против.* аммо, вале, лекин, =у; **есть у нас речка, да и та неглубокая** дар ҷои мо дарьёчае ҳасту вай ҳам чуқур не; **да и говорить-то об этом не стоит** дар ин хусус ҳоҷати гап задан ҳам нест; **да и только** халос, =у халос, бас, =у бас; **плачет, да и только** гирья мекунаду халос

дабы *союз уст.* *(чтобы)* барои он ки..., барои ин ки..., то ин ки..., то ки...

дава||ть *несов.* 1. *см.* **дать**; 2. *повел.* **давай(те)** *разг.* биё(ед); **~й мириться** биё, оштӣ кунем; **~йте, я вам помогу** биёед, ба шумо ёрӣ диҳам 3. *повел.* **давай** *(с неопр. ф. гл. несов. вида)* *разг.* гирифтам (гирифтӣ, гирифт *ва г.*), ру ба чизе ниҳодам (ниҳодӣ, ниҳод *ва г.*); **он схватил свои вещи и ~й бежать** вай чизҳояшро гирифту ру ба гурез ниҳод ◇ **~й бог ноги** ҷуфтак зада гурехтан; **~ть пищу чему-л., для чего-л.** *книжн.* ба чизе мусоидат кардан; **~ть себе отчёт в чём-л.** чизеро фаҳмидан (дарк кардан), ба чизе сарфаҳм рафтан; **не ~я себе отчёта** сарфаҳм нарафта; **не ~ть прохода кому-л.** касеро безор кардан; **не ~ть спуску** *кому* гузашт накардан, беҷазо намонондан

даваться *несов.* 1. *см.* **даться** 1, 2; 2. *страд.* дода шудан

давеча *нареч. прост.* навакак, динаяк

давешний, -яя, -ее *прост.* навангӣ, динангӣ; **~ разговор** суҳбати динангӣ

давило *с* *(пресс для выжимания сока)* чорхишт

давильный, -ая, -ое ...и чорхишт

давильня *ж* 1. чорхиштхона 2. манганаи ширакашӣ

давильщик *м* коргари чорхишт

давить *несов.* 1. *кого-что, на кого-что* фишор додан, зер кардан; **снег давит на крышу** барф бомро зер мекунад 2. *что* фушурдан, фишор додан, пахш кардан; **~ виноград** ангур фушурдан 3. *что* фишордан, фишор додан, сиққондан; **сапог давит мне ногу** муза поямро мефишорад 4. *кого* хафа (буғӣ) кардан; **лиса давит кур** рубоҳ мурғонро буғи мекунад 5. *кого* *(калечить)* зер кардан, зер карда куштан 6. *кого-что перен.* азоб (азият) додан, алам расондан; **его давило сознание вины** у худро гунаҳкор дониста азият мекашид 7. *кого-что перен.* зулм (ситам) кардан 8. *безл. что* *(о боли)* дард кардан; **мне давит грудь** синаам дард мекунад

давиться *несов.* 1. *чем* гулугир шудан; **~ костью** аз устухон гулугир шудан // *(от смеха, кашля)* нафас гаштан 2. *разг.* *(есть, торопясь)* тез (саросемавор) хурдан 3. *прост.* *(лишать себя жизни)* худро буғӣ карда куштан 4. *страд.* фушурда шудан, пахш карда шудан

давка *ж* 1. тела-тела, тиқматиқон, тиқилинҷ, тиққаву танба; **у входа образовалась ~** дар пеши дар тела-тела сар шуд 2. *(по знач. гл.* **давить** *2) прост.* фушурдан(и), пахш кардан(и)

давлени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **давить** 1, 3, 7, 8) фишордиҳӣ, фишор додан(и), пахшкунӣ 2. фишор; **атмосферное ~е** *физ.* фишори атмосфера (ҳаво); **котёл высокого ~я** *тех.* деги баландфишор; **кровяное ~е** фишори хун 3. *перен.* фишор, тазйиқ, зурӣ, зулм, ҷабр; **оказать ~е на кого-л.** ба касе зурӣ кардан; **под ~ем масс** дар зери фишори омма ◇ **под ~ем обстоятельств** аз [руи] ночорӣ

давленный *прич.* (давлен, -а, -о) фишор додашуда, фишорхурда

давлен||ый, -ая, -ое *разг.* пачақ, маҷақ; **~ые помидоры** помидорҳои маҷақ

давненько *нареч. разг.* боз, кайҳо боз; **~ я тебя не видел** кайҳо боз туро надидаам

давн||ий, -яя, -ее 1. қадим, пештара; **в ~ие времена** дар замонҳои қадим; **с ~их пор** аз кайҳо (қадим) боз 2. дерина, куҳна, қадим(а); **~не друзья** дӯстони дерина; **следовать ~ей привычке** аз руи одати куҳна рафтор кардан

давнишний, -яя, -ее *разг. см.* **давний**

давно *нареч.* 1. *(много времени тому назад)* кайҳо, ким-кай, дер боз, аллакай; **это было ~** ин воқеа (кор) кайҳо шуда буд 2. *(в течение долгого времени)* дер боз; кайҳо боз; **я ~ его не видел** ман дер боз ӯро надидаам ◇ **~ бы так** кайҳо ҳамин тавр кардан даркор буд

давнопрошедш||ий, -ая, -ее куҳан, хеле қадим; **в ~ие времена** дар замонҳои хеле қадим ◇ **~ее время** *грам.* замони гузаштаи дур

давност||ь *ж* 1. деринагӣ, куҳнагӣ, қадимӣ; **это дело большой ~и** ин кор таърихи куҳна дорад 2. *(длительность)* дерозӣ, деринагӣ 3. *юр.* мурур; **исковая ~ь** мурури даъво; **срок ~и** мӯҳлати мурур; **за ~ью лет** бинобар мурури замон

давным-давно *нареч.* кайҳо, ким-кайҳо

дагерротип *м* дагерротип, сурати дагерротипӣ

дагерротипия *ж* дагерротипия *(тарзи пештараи суратгирӣ дар пластинкаи металлӣ, ки бо йоди нуқра пушида шуда буд)*

дагерротипный, -ая, -ое дагерротипӣ, ...и дагерротипия; **~ портрет** сурати дагерротипӣ

дагестанец *м* доғистонӣ; *см.* **дагестанцы**

дагестанка *ж* доғистонизан, доғистонидухтар, зани (духтари) доғистонӣ; *см.* **дагестанцы**

дагестанск||ий, -ая, -ое доғистонӣ, ...и Доғистон; **~ие языки** забонҳои доғистонӣ

дагестанцы *мн.* доғистониҳо *(аҳолии асосии Доғистон)*

даже *частица усил.* 1. ҳатто; **я ~ представить себе этого не могу** ман инро ҳатто тасаввур карда наметавонам; **~ и...** ҳатто... ҳам; **~ и подумать не могу об этом** дар ин бора ҳатто фикр ҳам карда наметавонам; **~ теперь** ҳатто ҳоло; **~ если** ҳатто агар; **~ я не знаю** ҳатто ман намедонам 2. *в знач. союза* балки, ҳатто; **было очень тепло, ~ жарко** ҳаво гарм ва ҳатто тафсон буд

дакать *несов. прост.* ҳа-ҳа (бале-бале) гуфтан, балегуӣ кардан

дактилическ||ий, -ая, -ое *лит.* дактилӣ, ...и дактиль; **~ая строфа** банди дактилӣ *(дар шеър)*

дактилографический, -ая, -ое дактилографӣ, ...и дактилография

дактилография *ж* дактилография *(техникаи мошиннависӣ ё чоп)*

дактилология *ж* дактилология *(алифбои дастӣ, тарзи гуфтугуи гунгҳо ба воситаи ангуштони даст)*

дактилоскопическ||ий, -ая, -ое ...и дактилоскопия, дактилоскопӣ; **~ое исследование** тадқиқоти дактилоскопӣ

дактилоскопия *ж* дактилоскопия *(усули шинохтани шахс аз руи нақши ангушти дасти вай)*

дактиль *м лит.* дактиль (*вазни шеър, ки дар вай рукнҳои мисраъ сеҳиҷоӣ буда, зада ба ҳиҷои якум меафтад*)

далай-лама *м* далай-лама (*унвони сардори мазҳаби ламаӣ дар Тибат*)

далее *нареч. см.* дальше ◇ и так ~ (и т. д.) ва ҳоказо; не ~ как..., не ~ чем... аз ...дертар не; аз ... дуртар не; не ~ чем вчера худи дируз

далёк||ий, -ая, -ое (дал|ёк, -ека, -еко *и* -ёко) 1. дур, дурдаст; ~ие страны мамлакатҳои дур; ~ие выстрелы тирпарронӣ аз дур 2. дурбуда, дурафтода; ~ий друг дусти дурафтода 3. дуру дароз; ~ое путешествие сафари дуру дароз 4. кухна, дерина, дур; ~ое прошлое гузаштаи дур; ~ое воспоминание хотираи кӯҳна 5. *перен.* бегона; они ~ие друг другу люди онҳо ба якдигар бегонаанд ◇ он не очень ~ий человек вай одами он қадар дурандеш не; я далёк от мысли... ман ният надорам, ки...

далеко 1. *нареч.* дур; ~ от города аз шаҳр дур 2. *в знач. сказ.* (*о расстоянии*) дур аст; горы отсюда ~ кӯҳ аз ин ҷо дур аст 3. *в знач. сказ.*(*о времени*) ҳоло (ҳануз) вақт ҳаст; до рассвета ещё ~ то субҳидам ҳоло вақт ҳаст 4. *в знач. сказ. безл. кому-чему до кого-чего* баробар шуда натавонистан; мне ~ до него вай аз ман хеле пеш рафтагӣ; вай кучою ман кучо ◇ ~ за... 1) (*много времени после*) хеле вақт баъд аз...; ~ за полночь хеле вақт аз поси шаб гузашта 2) (*много больше, чем*) хеле зиёд аз, аз... хеле зиёд, анча зиёд; ему ~ за пятьдесят синни у аз панҷоҳ хеле зиёд аст; ~ не . . . на он қадар, чандон ... не; ~ не глуп чандон нодон не; ~ зайти аз ҳад гузаштан; ~ заехать *прост.* беҷо гап задан, бе маврид гап задан; ~ пойти хеле пеш рафтан; ~ ходить (искать) не надо (не приходится) дур рафтан (кофтан) лозим не, осон аст, мушкил нест

далече *нареч. обл.* дур; ~ ли до деревни? то деҳа оё дур аст?

даль *ж* 1. вусъат, фазо, паҳно, паҳноварӣ; морская ~ вусъати баҳр 2. дур, дурӣ; идти в такую ~! ба ҷои ин қадар дур рафтан!; такая ~!, такую ~! чунон дур аст, ки...!

дальневосточный, -ая,-ое ...и Шарқи Дур

дальнейш||ий, -ая, -ее оянда, минбаъд(а), баъдина; ~ие события воқеаҳои минбаъда ◇ в ~ем дар оянда; дар поён, поёнтар, минбаъд; в ~ем мы обо всём договоримся дар оянда мо дар бораи ҳама чиз аҳду паймон мекунем

дальн||ий, -яя, -ее 1. *см.* далёкий 1; ~ие страны мамлакатҳои дур; ~ее плавание сафари дур (*дар киштӣ*); поезд ~его следования поезди роҳи дур 2. (*о родстве*) дур; ~ее родство хеши дур, хешовандии дур; ~ие родственники хешони дур ◇ без ~их слов (разговоров) гапро ғоз надода, суханро дароз накарда

дальнобойность *ж воен.* дурзанӣ, дурандозӣ; ~ орудия дурзании туп

дальнобойн||ый, -ая, -ое *воен.* дурзан, дурандоз; ~ое орудие тупи дурзан

дальновидность *ж* дурандешӣ, оқибатандешӣ

дальновидн||ый, -ая, -ое (дальновид|ен, -на, -но) дурандеш(она), оқибатандеш; ~ый человек одами дурандеш; ~ое решение қарори дурандешона

дальнозоркий, -ая, -ое (дальнозор|ок, -ка, -ко) дурбин

дальнозоркость *ж* дурбинӣ (*нуқсони чашм аст, ки кас чизи дурро аз чизи наздик равшантар мебинад*)

дальномер *м физ.* масофасанҷ

дальномерщик *м* масофасанҷ, ченкунандан масофа

дальность *ж* дурӣ, дур будан(и); ~ расстояния дурии масофа; ~ полёта снаряда дурии парвози тири туп

дальтонизм *м* дальтонизм (*як хел иллати чашм, ки мубталои он баъзе рангҳоро фарқ карда наметавонад*)

дальтоник *м* дальтоник, мубталои дальтонизм

дальше 1. *сравн. ст. к* далёкий *и к* далеко; я живу ~ вас ман нисбат ба шумо дуртар истиқомат мекунам 2. *нареч.* баъд, дигар, сонӣ; сонитар; что делать ~? баъд чӣ бояд кард?; ~ что было? баъд чӣ шуд? 3. *нареч.* (*продолжая начатое*): ~! давом кунед!; читайте ~ давомашро хонед, хондан гиред 4. *нареч.* дигар; молчать ~ нельзя дигар хомуш истодан мумкин не ◇ ~-больше беш аз пеш; не ~ как..., не ~ чем... аз... дертар не; аз... дуртар не; не ~ как вчера я был свидетелем этого разговора ман худи дина шоҳиди ин суҳбат будам; ~ [ехать] некуда аз ин бадтар намешавад; не видеть ~ своего [собственного] носа кутоҳандеш будан; чем ~ в лес, тем больше дров *погов.* ≈ кулли явмин бадтар

дама *ж* 1. *уст.* бону, хонум 2. (*женщина*) зан; (*замужняя женщина*) зани шавҳардор 3. (*в танцах*) зан, духтар 4. *карт.* модка; пиковая ~ модкаи қарамашшоқ ◇ ~ сердца *шутл.* маъшуқа; классная ~ *уст.* мураббия

дамаск||ий, -ая, -ое 1. димишқӣ, ...и Димишқ 2. димишқӣ; ~ий меч шамшери димишқӣ ◇ ~ая сталь пулоди димишқӣ (*пулоди мавҷдори аълосифат*)

дамба *ж* банди об, сарбанд, садд

дамка *ж* дамка (*дар шашкабозӣ*)

дамоклов, -а, -о: ~ меч балои муаллақ

дамск||ий, -ая, -ое занона, ...и зан, ...и занон; ~ий портной хайёти занона; ~ое платье либоси занона; ~ое общество ҷамъияти занон; ◇ ~ие пальчики (*сорт винограда*) ангури ҳусайнӣ; ~ий угодник занакабоз

данник *м ист.* боҷдеҳ, боҷгузор, хироҷдиҳанда

данн||ые *мн.* 1. маълумот, асос, далел; анкетные ~ые маълумоти анкета; по неполным ~ым аз рӯи маълумоти нопурра 2. сифат, қобилият, истеъдод; хорошие голосовые ~ые овози хуб

данн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* додашуда 2. *прил.* ин, ҳамин, чунин; в ~ом случае дар ин маврид; в ~ый момент дар ҳамин лаҳза; при ~ых обстоятельствах дар чунин шароит ◇ ~ая величина *мат.* бузургии маълум

дантист *м уст.* дандонсоз

дань *ж* 1. *ист.* боҷ, хироҷ; взимать ~ боҷ гирифтан 2. *перен.* (*должное*) ҳақ, тақдир // (*уступка чему-л.*) гузашт, риоя; ~ традиции риояи анъана ◇ отдать (заплатить) ~ 1) *кому-чему* (*воздать должное*) ҳақ шумурдан, лоиқ донистан, ба қадри касе, чизе расидан 2) *чему* (*сделать уступку*) гузашт (рӯйхотир) кардан; отдать ~ уважения кому-л. эҳтироми касеро ба ҷо овардан

дар *м* 1. пешкаш, ҳадья; принести в ~ что-л. чизе пешкаш кардан 2. қобилият, истеъдод, маҳорат; ~ речи (слова) 1) (*способность говорить*) қобилияти нутқ; потерять ~ речи аз забон мондан, лол шудан 2) (*красноречие*) суханварӣ, нотиқӣ; обладать ~ом слова истеъдоди нотиқӣ доштан ◇ ~ы природы неъматҳои табиат

дарвинизм *м* дарвинизм (*таълимоти оид ба инкишофи таърихии табиати зинда ва пайдоиши навъҳои ҳайвоноту наботот дар натиҷаи интихоби табиӣ*)

дарвинист *м* дарвинист, пайрави дарвинизм

даргинец *м* даргин; *см.* даргинцы

даргинка *ж* даргинзан, даргиндухтар, зани (духтари) даргин; *см.* даргинцы

даргинский, -ая, -ое даргинӣ; ~ язык забони даргинӣ

даргинцы *мн.* даргинҳо (*халқест, ки дар як қисми Доғистон зиндагӣ мекунанд*)

дарение *с* (*по знач. гл.* дарить) бахшиш, ҳадья додан(и), пешкаш кардан(и)

дарён||ый, -ая, -ое *разг.* бахшидашуда, ҳадьяшуда, пешкашӣ; ~ая вещь чизи бахшидашуда; ~ому коню в зубы не смотрят *посл.* ≈ аз дуст ҳар чи мерасад, некуст

дари *м нескл.* дарӣ, забони дарӣ (1. *забони адабиёти тоҷику форс дар асрҳои миёна* 2. *яке аз забонҳои давлатӣ дар Афғонистони ҳозира*)

дарить *несов.* 1. *кого-что* бахшидан, ҳадья додан, пешкаш кардан 2. *чем перен.* (*удостаивать*) сазовор донистан, мушарраф гардонидан, сарфароз кардан

дарма *нареч. обл. и прост.* муфт, бепул

дармовой, -ая, -ое *обл. и прост.* муфт, бепул

дармовщина, **дармовщинка** *ж обл. и прост. см.* даровщина

дармоед *м разг.* муфтхур, тегинхур

дармоедка *женск. к* дармоед

дармоедничать *несов. разг.* муфтхур будан, муфтхурӣ (тегинхурӣ) кардан

дармоедство *с разг.* муфтхурӣ, тегинхурӣ

дарование *с* 1. (*по знач. гл.* даровать) бахшиш, ато кардан(и) 2. қобилият,

истеъдод, маҳорат; **природное** ~ қобилияти фитрӣ

даровать *сов., несов. что уст.* бахшидан, ато (хадья) кардан ◇ ~ **жизнь** ҳаёт бахшидан; ~ **свободу** озодӣ бахшидан

даровитость *ж* қобилият, қобилиятнокӣ, истеъдод, истеъдоднокӣ

даровитый, -ая, -ое (даровит, -а, -о) қобилиятнок, боистеъдод; ~ **пианист** пианинонавози боистеъдод

даровой, -ая, -ое *разг.* муфт, бепул; ~ **билет** билети муфт

даровщин||**а, даровщинк**||**а** *ж разг.:* **на** ~**у** муфт, бепул, ба ҳисоби дигарон

даром *нареч.* 1. муфт, бепул, ройгон, маҷҷонӣ; **получить** ~ муфт гирифтан; **и** ~ **не нужно** бепул ҳам даркор не // *разг.* *(очень дёшево)* бисьёр арзон, муфт, ройгон; **купить почти что** ~ қариб муфт харидан 2. бефоида, беҳуда, бекора; **весь день пропал** ~ тамоми руз беҳуда гузашт ◇ ~ **что...** *в знач. уступ. союза прост.* бо вуҷуди [ин ки]... , қатъи назар аз он ки... , ...бошад ҳам, агарчи; ~ **хлеб есть** бекорхуҷагӣ карда гаштан; **это** ~ **не пройдёт** ин ҳамту (беҷазо) намемонад

дарственн||**ый,** -ая, -ое 1. *уст.* бахшидашуда, ҳадьяшуда 2. ...и бахшиш; ~**ая запись** *юр.* ҳуҷҷати бахшиш *(ҳуҷҷати расмӣ оид ба бахшида шудани ягон чиз)* // *в знач. сущ.* **дарственная** *ж то же, что* ~**ая запись**

дат||**а** *ж* таърих, сана; **поставить** ~**у** таърих мондан; **знаменательная** ~**а** санаи муҳим; **исторические** ~**ы** санаҳои таърихӣ

дательный, -ая, -ое: ~ **падеж** *грам.* падежи дательный *(яке аз шаклҳои тасрифи калима, ки ба саволҳои «ба кӣ?», «ба чӣ?» ҷавоб медиҳад ва дар забони тоҷикӣ одатан ба воситаи пешоянди «ба» ифода меёбад)*

датированный, -ая, -ое санадор; ~ **документ** ҳуҷҷати санадор

датировать *сов., несов. что* таърих гузоштан (мондан), сана гузоштан; ~ **документ сегодняшним числом** дар ҳуҷҷат санаи имрузро гузоштан; ~ **события** таърихи ҳодисаҳоро нишон додан

датироваться *несов.* 1. ба даврае (ба санае) тааллуқ доштан 2. *страд.* таърих (сана) гузошта шудан

датировка *ж (по знач. гл.* **датировать***)* таърихгузорӣ, санагузорӣ, таърихмонӣ, санамонӣ

даточн||**ый,** -ая, -ое: ~**ые люди** *ист.* сарбозони иҷборӣ *(одамоне, ки дар Россияи асрҳои 16—17 иҷборан якумра ба хизмати ҳарбӣ гирифта мешуданд)*

датский, -ая, -ое даниягӣ, ...и Дания; ~ **язык** забони даниягӣ

датчане *мн.* даниягиҳо, халқи Дания

датчанин *м* даниягӣ, марди даниягӣ

датчанка *ж* даниягизан, даниягидухтар, зани (духтари) даниягӣ

датчик *м тех.* датчик *(асбобест, ки аз кори механизм, фаъолияти организми зинда ва ғ. хабар медиҳад)*

дать *сов.* 1. *кого-что, чего* додан, бахшидан; ~ **книгу товарищу** китобро ба рафиқи худ додан; ~ **адрес** адресро додан; ~ **телефон** [рақами] телефонро додан // *что разг. (заплатить)* додан, пардохтан; **я дал за эту книгу пять рублей** ман барои ин китоб панҷ сум додам 2. *что кому* имкон додан; **это даст мне возможность посещать уроки** ин ба ман имкон медиҳад, ки ба дарсҳо ҳозир шавам; **не каждому дано быть музыкантом** ҳар кас мусиқачӣ шуда наметавонад 3. *что* супурдан, додан; ~ **работу** кор супурдан 4. *что кому разг.* муайян кардан *(ба назар, аз рӯи намуд)*; **на вид ему можно** ~ **лет сорок** зоҳиран вай қариб чилсола аст 5. *что* задан; ~ **пощёчину** шаппотӣ (торсакӣ) задан; ~ **подзатыльник** ба пушти сар (ба буни гардан) задан // *по чему, во что прост.* задан; ~ **по уху** ба гуш (баногуш) задан; ~ **в зубы кому-л.** 1) *(ударить)* ба тумшуқи касе задан; ба таги ҷоғ фаровардан 2) *(дать взятку)* пора (ришва) додан, гулуи касеро равған кардан 6. *что* додан, барпо кардан; ~ **обед в честь юбиляра** ба шарафи соҳибҷашн зиёфат додан; ~ **концерт** концерт додан 7. *что (принести как результат)* бахшидан, додан; ~ **высокий урожай** ҳосили баланд додан 8. *в сочет. с сущ. что* ~ **обещание** ваъда додан; ~ **распоряжение** фармон додан, амр кардан; ~ **разрешение** рухсат додан; ~ **слово** 1) *(на собрании)* сухан додан 2) *(пообещать)* ваъда (қавл) додан; ~ **согласие** розигӣ додан, розӣ шудан; ~ **указание** дастур додан; ~ **звонок** занг задан; ~ **отбой** бонги бозгашт додан; ~ **трещину** тарқиш пайдо шудан; ~ **течь** сӯрох (тешуқ) шудан 9. *с неопр.* мондан, гузоштан, роҳ (рухсат) додан: **дайте пройти** монед, гузарам; **он не дал мне договорить** вай намонд, ки гапамро тамом кунам 10. *повел.* **дай** *с гл. 1 л. буд. в знач. побуд. частицы* биё, як; **дай, думаю, зайду к приятелю** як пеши шарикам равам, гуфтам; **дай-ка я прочту ещё раз** биё боз як бори дигар хонам ◇ **дай бог** *кому* худо расонад (хоҳад), илоҳӣ ҳамин тавр шавад, кошкӣ ҳамин тавр мешуд; **не дай бог** худо накунад, худо нишон надиҳад, худо нигоҳ дорад; ~ **волю кому-л.** касеро ба ихтиёраш мондан (монондан); ~ **волю** *чему* сар додан; ~ **волю слезам** гиръя карда фиристодан (сар додан); ~ **выход чему-л.** изҳори чизе кардан, дилро аз чизе холӣ кардан; ~ **газ** *прост.* газ додан, тезондан; ~ **дорогу** *кому* роҳ додан, имкон додан; ~ **занавес** пардаро фуровардан; ~ **знать** *кому о ком-чём* дарак додан; ~ **себя знать** аз худ дарак додан, ҳис карда шудан; **усталость дала себя знать** хастагӣ ҳис карда шуд; ~ **крюк (крюку)** *давр зада* роҳро дур кардан; ~ **маху** хато (ғалат) кардан; ~ **начало** *чему* оғоз кардан; ~ **подножку кому-л.** ба касе пешпо додан; ~ **по шапке** *кому груб. прост.* ҳай кардан; ~ **права (право) гражданства** эътироф кардан; ~ **представление** *о чём* мадрак додан; ~ **себе труд** лозим донистан, худро вазифадор шумурдан, кӯшиш кардан; **он не дал себе труда подумать** фикр карданро лозим надонист; ~ **стрекача (тягу)** *прост.* думро хода кардан, пойро зери бағал гирифтан; шиппи гурехтан, ғайб задан; ~ **урок** дарси ибрат додан; ~ **шпоры** маҳмез задан; **дорого бы дал** ҷонамро фидо мекардам; **как пить** ~ *прост.* албатта, яқин(ан), бешубҳа, бешак; **не** ~ **в обиду** *кого* ҳимоя кардан; **не** ~ **спуску** *кому* гузашт накардан, беҷазо намонондан; **не** ~ **ходу** *кому* роҳ надодан, мамониат кардан; **ни** ~ **ни взять** худи худаш; айнан; **я тебе (те) дам!** рузатро нишон медиҳам!; **вот я тебе дам бегать!** ҳоло ман ба ту давиданро нишон медиҳам!

даться *сов. разг.* 1. *чаще с отриц.* дода шудан, тобеъ шудан; афтодан; **конь не дался ему в руки** асп ба вай ром нашуд, асп ба вай гардан нафуровард; **не** ~ **в обман** ба доми фиреб наафтодан 2. *кому* осон будан, дастрас будан; **грамота далась ему легко** саводомузӣ барои у осон буд 3. *тк. прош. кому* мароқ пайдо кардан, лозим будан; **что вам дался этот человек?** ин кас ба шумо чӣ лозим? ◇ **диву** ~ дар ҳайрат афтодан, ангушти ҳайрат газидан

дач||**а** I *ж* 1. *(по знач. гл.* **дать** 1, 5) додан(и), -диҳӣ; ~**а корма скоту** ему хошокдиҳӣ ба чорпо; ~**а показаний** додани шаҳодот 2. *(порция)* воя, булак *(миқдори муайяни хурок)*; **две** ~**и овса** ду воя хуртумон

дача II *ж* дача, боғ, боғот

дачевладелец *м* соҳиби дача

дачник *м* дачанишин, боғотнишин

дачница *женск. к* **дачник**

дачный, -ая, -ое ...и дача

дашнаки *мн.* (*ед.* **дашнак** *м*) дашнакҳо *(аъзоёни партияи зиддиреволюционии миллатчиёни буржуазии арман, ки дар аввали солҳои 90-уми асри 19 пайдо шуда буд)*

даяние *с уст.* бахшиш, ато; садақа

два *м, с,* **две** *ж числ.* 1. *(число)* ду; **написать цифру два** рақами дуро навиштан; **два стакана** ду стакон 2. *разг. (оценка)* ду, баҳои ду 3. *(несколько, немного)* ду, андак, кам, якчанд; **в двух шагах от дома** то хона ду қадам роҳ, ба хона бисьёр наздик; **в двух словах** мухтасар, ба таври хулоса, бо ду калима ◇ **в два счёта** дар як мижа задан, дар як они ҳол; **два-три, две-три** андак, кам, якчанд; **прошло два-три дня** ду-се руз гузашт; **два-три дня тому назад** ду-се руз пеш аз ин; **ни два ни полтора** ≈ на ба ин шурии шуру на ба он бенамакӣ; **как две капли воды** як себу ду тақсим, ҳамчун як себи дукафон; **палка о двух концах** бодинҷон арзон, харҷакҳо дорад; зарараш аз фоидааш кам не; **гоняться за двумя зайцами** *аз ин монда, аз вай ронда*; **убить двух зайцев** як тиру ду нишон; **чёрта с два!** *прост.* ҳаргиз не!, асло не!, номаъқул кардӣ!

двадцати- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «бист»:* **двадцатиугольник** бисткунҷа; **двадцатиэтажный** бистқабата, бистошьёна

двадцатиле́тие *с* 1. *(срок)* бист сол, бистсола; **проше́дшее** ~ бистсолаи гузашта 2. *(годовщина)* бистсолагӣ; ~ **нау́чной де́ятельности** бистсолагии фаъолияти илмӣ

двадцатиле́тн||ий, -яя, -ее бистсола; ~**яя дру́жба** дустии бистсола; ~**яя де́вушка** духтари бистсола; ~**ий юбиле́й** ҷашни бистсолагӣ

двадцатипятиле́тие *с* 1. *(срок)* биступанҷсола; **проше́дшее** ~ биступанҷсолаи гузашта 2. *(годовщина)* биступанҷсолагӣ; ~ **нау́чной де́ятельности** биступанҷсолагии фаъолияти илмӣ

двадцатипятиле́тн||ий, -яя, -ее биступанҷсола; ~**яя слу́жба** хизмати биступанҷсола; ~**ий молодо́й челове́к** ҷавони биступанҷсола; ~**ий юбиле́й** ҷашни биступанҷсолагӣ

двадца́т||ый, -ая, -ое *числ.* бистум, ...и бист; ~**ый но́мер** рақами бистум; ~**ые го́ды** солҳои бистум; ~**ая до́ля** бистьяки чизе, аз бист як ҳисса

два́дцать *числ.* бист; ~ **оди́н** бисту як ◇ ~ **раз (говори́ть, де́лать** *и т. п.*) бисьёр, хеле, борҳо, чандин бор (гуфтан, кардан *ва м. ин*); **он** ~ **раз перечёл э́то письмо́** вай ин мактубро чандин бор (гаштаю баргашта) хонд; ~ **одно́** *карт.* қимор, бисту як (*навъи қартабозӣ*)

двадцатью *нареч.* бист карат; ~ **пять — сто** бист карат панҷ — сад

два́жды *нареч.* 1. ду бор, ду карат; **я** ~ **был у него́** ман ду бор назди у рафта будам; ~ **в неде́лю** ҳафтае ду бор 2. ду карат; ~ **пять — де́сять** ду карат панҷ — даҳ

две *ж см.* **два**

двенадцатипе́рстн||ый, -ая, -ое: ~**ая кишка́** *анат.* рӯдаи дувоздаҳангушта

двена́дцат||ый, -ая, -ое *числ.* дувоздаҳум; ~**ый час** соат аз ёздаҳ гузашт; **одна́** ~**ая** аз дувоздаҳ як ҳисса

двена́дцать *числ.* дувоздаҳ; **два́жды шесть** — ~ ду карат шаш — дувоздаҳ

дверн||о́й, -ая, -о́е ...и дар; ~**а́я ру́чка** дастаки дар; ~**о́й замо́к** қуфли дар

две́рца *ж* дарича; ~ **автомоби́ля** даричаи автомобиль; **пе́чная** ~ даричаи печка

двер||ь *ж* дар; **входна́я** ~**ь** дари даромад; **двуство́рчатая** ~**ь** дари дутабақа; **стоя́ть в** ~**я́х** дар дами дар истодан; пеши дарро гирифтан ◇ ~**ь в** ~**ь** (*напротив*) ру ба ру; **жить** ~**ь в** ~**ь** дар ру ба ру хона доштан, ҳамсояи ру ба ру будан; **у** ~**е́й** (*совсем близко*) хеле наздик; **зима́ у** ~**е́й** зимистон наздик омад (хеле наздик аст); **при закры́тых** ~**я́х** пинҳонӣ, пӯшида; **при откры́тых** ~**я́х** кушода, озод, дар маҷлиси кушода; **ломи́ться в откры́тую** ~**ь** ширро сафед гуфтан; **закры́ть** ~**и до́ма перед ке́м-л.** дари хонаро ба руи касе бастан; **показа́ть (указа́ть) на** ~**ь кому́-л.** кафши касеро пеш гузоштан; **стуча́ться в** ~**ь** наздик будан (шудан), расидан; **весна́ стучи́тся в** ~**ь** баҳор наздик аст

две́сти *числ.* дусад; ~ **рубле́й** дусад сум

дви́гатель *м* 1. *тех.* муҳаррик; ~ **вну́треннего сгора́ния** муҳаррики дарунсӯз; **реакти́вный** ~ муҳаррики реактивӣ 2. *перен.* қувваи баҳаракатоваранда, омил; ~ **прогре́сса** омили пешрафт

дви́гательн||ый, -ая, -ое баҳаракатоваранда, муҳаррикӣ, ...и ҳаракат; ~**ый нерв** *анат.* асаби ҳаракат; ~**ая си́ла** қувваи баҳаракатоваранда

дви́гать *несов.* 1. *что* ғеҷондан, ҷойгардон кардан; ~ **ме́бель** мебельро ғеҷондан 2. *кого-что перен.* равона кардан, фиристодан; ~ **войска́ на неприя́теля** қушунро бар зидди душман равона кардан 3. *чем* такон додан, ҷунбондан; ~ **па́льцами** ангуштонро ҷунбондан 4. *что* ба ҳаракат овардан; **пружи́на дви́жет часово́й механи́зм** фанар механизми соатро ба ҳаракат меоварад 5. *кем-чем перен.* водор намудан, маҷбур кардан; **им дви́жет чу́вство сострада́ния** уро ҳисси ҳамдардӣ водор мекунад 6. *что перен.* пеш бурдан, тараққӣ додан; ~ **нау́ку** илмро равнақ додан 7. *прост. (отправляться)* рафтан, роҳӣ шудан, ба роҳ даромадан

дви́гаться *несов.* 1. гаштан, ҳаракат кардан; **по́езд ме́дленно дви́гался вдоль платфо́рмы** поезд оҳиста аз пеши платформа мегузашт; **Земля́ дви́жется вокру́г свое́й оси́** Замин дар гирди меҳвари худ мегардад // (*идти вперёд*) пеш рафтан, ҳаракат кардан, равона шудан; **рабо́та не дви́гается** кор пеш намеравад 2. *разг.* рафтан, роҳӣ шудан, ба роҳ даромадан; **пора́** ~ **в путь** вақти рафтан расид 3. (*шевелиться*) ҷунбидан, ҳаракат кардан; **не дви́гайся!** наҷунб! 4. *страд.* ҷойгардон карда шудан; ба ҳаракат оварда шудан; тараққӣ дода шудан ◇ ~ **гигантскими шага́ми** бо қадамҳои азим пеш рафтан; ~ **по слу́жбе** ба мансаби баландтаре расидан

движе́ни||е *с* 1. ҳаракат, ҷунбиш; **враща́тельное** ~**е** даврзанӣ; ~**е плане́т** ҳаракати сайёраҳо; **прийти́ в** ~**е** ба ҳаракат омадан; **находи́ться в** ~**и** дар ҳаракат будан 2. *филос.* ҳаракат 3. ҳаракат, рафтуомад; **пра́вила у́личного** ~**я** қондаҳои роҳ; **на у́лицах большо́е** ~**е** дар кучаҳо ҳаракат зиёд аст 4. пеш бурдан(и); **дать** ~**е де́лу** корро пеш бурдан; ~**е бума́г** даст ба даст гаштани ҳуҷҷатҳои расмӣ 5. (*телодвижение, жест*) ҳаракат, ҳаракати бадан 6. ҳаракат; **национа́льно-освободи́тельное** ~**е** ҳаракати миллии озодихоҳӣ; **революцио́нное** ~**е** ҳаракати революционӣ; ~**е сопротивле́ния** ҳаракати муқобилат; ~**е сторо́нников ми́ра** ҳаракати тарафдорони сулҳ ◇ **во́льные** ~**я** *спорт.* варзиши озод

дви́жимость *ж* моли манқул, манқулот

дви́жим||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ба ҳаракат овардашаванда; ба пеш бурдашаванда 2. *прил.* манқул; ~**ое иму́щество** моли манқул, манқулот // *в знач. сущ.* **дви́жимое** *с то же, что* ~**ое иму́щество**

дви́житель *м тех.* ҳаракатдиҳанда (*асбоби ба ҳаракатоваранда, мас. парраи самолёт, чархи автомобиль*)

движко́вый, -ая, -ое движокӣ, ...и движок

движо́к *м тех.* 1. давак 2. движок

дви́жущ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* ҳаракатдиҳанда, ба ҳаракатоваранда; ~**ие си́лы** қувваҳои баҳаракатоваранда (пешбаранда)

дви́нуть *сов.* 1. *однокр. к* **дви́гать**; 2. *кого-что и без доп. прост.* сахт задан ◇ **па́льцем не** ~ дастро ба оби хунук назадан; оби шикамро наҷунбондан

дви́нуться *сов. см.* **дви́гаться**

дво́е *числ. собир.* ду, дуто, дута; ду нафар, ду кас; ~ **су́ток** ду шабонарӯз; **нас бы́ло** ~ мо ду нафар будем ◇ **на свои́х [на] двои́х** пиёда

двое- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ду», «дучанд»:* **двоевла́стие** дуҳокимиятӣ

двоебо́рец *м спорт.* дуҳарбачӣ, варзишгари дуҳарба

двоебо́рье *с спорт.* қувваозмоии дуҳарба (*мусобиқа аз рӯи ду навъи спорт*); **олимпи́йское** ~ дуҳарбаи олимпӣ

двоебра́чие *с* 1. дузанагӣ 2. *уст.* бори дуюм зангирӣ (шавҳаркунӣ)

двоевла́стие *с* дуҳокимиятӣ

двоеду́шие *с уст.* дурӯягӣ, мунофиқӣ, риёкорӣ

двоеду́шничать *несов. уст.* дурӯягӣ (мунофиқӣ, риёкорӣ) кардан

двоеду́шный, -ая, -ое (двоеду́ш|ен, -на, -но) *уст.* дуруя, мунофиқ, риёкор

двоеже́нец *м* дузана

двоежёнство *с* дузанагӣ, дузандорӣ

двоето́чие *с* ду нуқта, аломати баён (:)

дво́ечник *м разг.* талабаи бадхон (духон)

дво́ечница *ж разг.* толибаи бадхон (духон)

двои́ть *несов. что* 1. (*делить надвое*) ду бӯлак (ду тақсим) кардан; ~ **ко́жу** чармро ду тақсим кардан 2. (*сдваивать*) дучанд кардан, ҷуфт кардан, дутогӣ кардан; ~ **ни́тки** риштаро дутоба кардан 3. *тж. без доп. с.-х.* дураҳа (дубора) шудгор кардан, дураҳа рондан

двои́||ться *несов.* 1. ба ду ҷудо (тақсим) шудан; **доро́га здесь** ~**тся** аз ин ҷо дуроҳа сар мешавад // (*о мыслях, чувствах и т. п.*) духела (ду навъ, ҳар хел) шудан; дудила шудан; **мы́сли его́** ~**лись** ӯ дудила мешуд 2. *чаще безл.* дута намудан; **у него́** ~**тся в глаза́х** ба чашми вай ҳар чиз дута менамояд

дво́йк||а *ж* 1. (*цифра*) ду, рақами ду // *разг.* троллейбуси (автобуси) дуюм 2. (*отметка*) ду, баҳои ду; **получи́ть** ~**у** [баҳои] ду гирифтан 3. *карт.* дутагӣ, картаи духола; **черво́нная** ~**а** тапнони духола 4. *спорт.* (*лодка*) завраҷи дубела

двойни́к *м* ҳамандом, ҳамафт (*одаме, ки ба каси дигар бисьёр монанд бошад*)

двойн||о́й, -а́я, -о́е 1. дутагӣ, дуқабата, дугона; ~**ы́е ра́мы** чорчӯбаҳои дуқабатаи тиреза; ~**о́й подборо́док** манаҳи бағбағадор 2. ду баробар зиёд, дучанд; ~**а́я пла́та** музди ду баробар зи-

ёд; ~**о́й расхо́д** хароҷоти ду баробар зиёд, харҷи дучанд ◇ ~**а́я бухгалтерия** !) ҳисобу китоби дугона *(усули махсуси ҳисобу китоб, ки дахлу харҷ ду бор дар ду дафтар қайд карда мешавад)* 2) кирдори мунофиқона, мунофиқӣ, дуруягӣ; **вести́ ~у́ю игру́** кафтари дубома шудан, дуруягӣ кардан

дво́йня *ж* экизак, дугоник, тавъамон

двойня́шки *мн.* (*ед.* **двойня́шка** *м, ж*) *разг.* экизак, дугоник, тавъамон

дво́йственность *ж* 1. *(противоречивость)* духелагӣ, дурангӣ 2. *(двуличность)* дуруягӣ, риёкорӣ

дво́йственн||ый, -ая, -ое (двойствен, -на, -но) 1. духела, дуранга; ~**ое чу́вство** ҳисси духела 2. дуруя, риёкор(она), мунофиқ(она); ~**ая поли́тика буржуази́и** сиёсати мунофиқонаи буржуазия 3. дутарафа, дуҷониба; ~**ое соглаше́ние** созиши дутарафа ◇ ~**ое число́** *грам.* шумораи дугона

двор *м* 1. ҳавлӣ, руи (саҳни) ҳавлӣ; **колхо́зный** ~ ҳавлии колхоз; **въе́хать во** ~ ба ҳавлӣ даромадан; **вход со** ~**а́** даромадгоҳи тарафи ҳавлӣ 2. хоҷагӣ, хонавода, хонавор; **в колхо́зе сто** ~**о́в** дар колхоз сад хонавода ҳаст 3. -хона; **пти́чий** ~ мурғхона; **ско́тный** ~ молхона, подахона 4. дарбор; **мини́стр** ~**а** вазири дарбор ◇ **гости́ный** ~ тим; **моне́тный** ~ сиккахона, зарбхона; **постоя́лый** ~ *уст.* меҳмонсарой, корвонсарой; **проходно́й** ~ шаҳри бедарвоза; **ко** ~**у́ быть** (**прийти́сь**) писанд омадан, муддаои дил (табъ) будан, матлуб будан; **не ко** ~**у́ быть** (**прийти́сь**) муддаои дил (табъ)намудан, писанд наомадан; **на** ~**е́** *(на улице)* дар берун, берун; **весна́ на** ~**е́** баҳор омад; **по** ~**а́м, ко** ~**ам** *уст. (по домам)* хона ба хона, ҳавлӣ ба ҳавлӣ; **ни кола́ ни** ~**а** бехонумон, хонабардӯш

дворе́ц *м* қаср, дарбор, сарой // *(в названиях)* қаср, кох; **Дворе́ц пионе́ров** Қасри пионерон; **Дворе́ц культу́ры** Қасри маданият

дворе́цкий *м* сарпешхизмат

дво́рник *м* 1. дарбон, фаррошӣ ҳавлӣ 2. *разг.*чорубак, лифак *(асбобе, ки оинаи пеши автомобильро аз барфу борон тоза мекунад)*

дво́рницкая *ж уст.* дарбонхона

дво́рничиха *ж разг.* 1. *женск. к* **дво́рник** 1; 2. *уст.* зани дарбон (фаррош)

дво́рня *ж собир. ист.* хизматгорони даргоҳи (ҳавлии) помещик *(дар замони крепостной)*

дворня́га, дворня́жка *ж разг.* саги руиҳавлӣ, саги безот

дворов||ый, -ая, -ое 1. ...и руи ҳавлӣ, ...и ҳавлӣ; ~**ые постро́йки** иморатҳои ҳавлӣ 2. *в знач. сущ.* **дворо́вый** *м*, **дворо́вая** *ж ист.* хизматгори даргоҳи (ҳавлии) помещик

дворцо́в||ый, -ая, -ое ...и қаср, қасрӣ, ...и дарбор, дарборӣ; ~**ая пло́щадь** майдони қаср; ~**ая стра́жа** посбонони дарбор ◇ ~**ый переворо́т** табаддулоти дарборӣ *(аз тарафи гуруҳи дарбориён зуран, бе иштироки қувваҳои ҷамъиятӣ, дигар кардани подшоҳ)*

дворяни́н *м* дворянин, ашроф, аъён ∨ **столбовы́е дворя́не** *ист.* ашрофи бонасаб, асилзодагон

дворя́нка *женск. к* **дворяни́н**

дворя́нск||ий, -ая, -ое дворянӣ, ...и дворянҳо; ~**ая уса́дьба** работи (ҳавлии) дворянӣ; ~**ое собра́ние** маҷлиси дворянҳо; ~**ое сосло́вие** табақаи дворянҳо

дворя́нство *с* 1. табақаи дворянҳо *(табақаи ҳукмрони ҷамъияти феодалӣ ва капиталистӣ)* 2. *собир.* дворянҳо; **ру́сское** ~ дворянҳои рус

двоюродн||ый, -ая, -ое: ~**ый брат** *амакбача, тағобача, аммабача,* холабача, писари амак (тағо, амма, хола); ~**ая сестра́** амакбача, тағобача, аммабача, холабача, духтари амак (тағо, амма, хола)

двоя́кий, -ая, -ое (двояк, -а, -о) духела, душакла, дутарафа, духура; ~ **смысл** маънии духура

двоя́ко *нареч.* ду хел, ду навъ, ду тариқа; **э́ту зада́чу мо́жно реши́ть** ~ ин масъаларо ду тариқа (бо ду роҳ) ҳал кардан мумкин аст

двояково́гнут||ый, -ая, -ое дуруя фурухамида; ~**ое стекло́** шишаи дуруя фурухамида

двояковыпукл||ый, -ая, -ое дуруя барҷаста; ~**ая ли́нза** линзаи дуруя барҷаста

двоякоды́шащие *мн. зоол.* дубаҳраҳо, ҳайвонҳои дубаҳра

дву- (**двух-**) *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маъноҳои зерин меояд:* 1) *дучанда будани вазн, ҳаҷм, дарозӣ, муддат* — **двухкра́тный** дукарата 2) *аз ду қисм, шуъба, ҷузъ иборат будани чизе* — **двусло́жный** дуҳиҷоӣ; **двухто́мный** дуҷилда 3) *соҳиби ду аломат ё хусусият будани чизе* — **двуго́рбый** дукуҳона; **двухстру́нный** дутора 4) *дучанда будани таркиби химиявии чизе* — **двухвале́нтный** дувалента

двубо́ртный, -ая, -ое дулаба, дутарафа тугмадор; ~ **пиджа́к** пиджаки дутарафа тугмадор

двугла́в||ый, -ая, -ое дусара, дукулла; ~**ый Эльбру́с** Албурзи дукулла ◇ ~**ая мы́шца** *анат.* мушаки дусара *(яке аз мушакҳои китф, ки дастро дар банди оринҷ хам мекунад)*; ~**ый орёл** укоби дусара *(рамз дар герби Россияи подшоҳӣ)*

двугла́сный, -ая, -ое *лингв.* ...и садоноки ҷуфт // *в знач. сущ.* **двугла́сный** *м* дифтонг

двуго́рбый, -ая, -ое дукуҳона; ~ **верблю́д** шутури дукуҳона

двугра́нный, -ая, -ое дупаҳлу, дуқирра

двугри́венник *м уст. см.* **двугри́венный**

двугри́венный *м разг.* бисттинӣ, тангаи бисттинӣ

двудо́льн||ый, -ая, -ое дуҳиссагӣ; ~**ый разме́р стиха́** шеъри рукнаш дуҳиҷоӣ // *бот.* дупалла(гӣ); ~**ое расте́ние** растании дупалла // *в знач. сущ.* **двудо́льные** *мн. бот.* дупаллаҳо

двудо́мн||ый, -ая, -ое *бот.* дуҷинса; ~**ое расте́ние** растании дуҷинса // *в знач. сущ.* **двудомные** *мн.* дуҷинсаҳо *(растаниҳое, ки ба ҷинси нару ҷинси мода ҷудо мешаванд, ду ҷинс доранд)*

двужи́льный, -ая, -ое ҷонсахт, сахтҷон; ~ **челове́к** одами ҷонсахт

двузна́чн||ый, -ая, -ое дурақама, иборат аз ду рақам; ~**ое число́** адади дурақама

двузу́б||ый, -ая, -ое дудандона; ~**ые ви́лы** душоха

двуко́лка *ж* аробаи дучарха (дуғилдирака)

двуко́нный, -ая, -ое дуаспа; ~ **плуг** плуги дуаспа

двукратн||ый, -ая, -ое дукарата, дукаратӣ; дубора, дучанд; ~**ый чемпио́н** дукарат чемпион; **в** ~**ом разме́ре** ба андозаи дучанд

двукры́лый, -ая, -ое 1. дуқанота, дубола 2. *в знач. сущ.* **двукры́лые** *мн. зоол.* дуқанотаҳо, дуболон *(пашша, малах, ору)*

двули́кий, -ая, -ое (двули́к, -а, -о) дуру́я, дутарафа // *перен.* дуруя, риёкор, мунофиқ; **Двули́кий Янус** Януси Дуруя *(дар бораи одами дуруя, риёкор гуфта мешавад — аз номи яке аз худоёни Рими Қадим, ки руяш дутарафа тасвир карда мешуд)*

двули́чие *с* дуруягӣ, риёкорӣ, мунофиқӣ

двули́чничать *несов.* дуруягӣ (риёкорӣ, мунофиқӣ) кардан

двули́чность *ж см.* **двули́чие**

двули́чный, -ая, -ое (двули́ч|ен, -на, -но) дуруя, риёкор(она), мунофиқ(она)

двуно́гий, -ая, -ое дупо(я)

двуо́кись *ж хим.* дуокиса *(таркиби химиявӣ, ки аз як атоми ягон элемент ва ду атоми кислород иборат аст)*; ~ **азо́та** дуокисаи азот

двупа́лый, -ая, -ое дуангушта, ҷуфтангушт, қушангушт

двупо́л||ый, -ая, -ое 1. *биол.* хунасо 2. *бот.* дуҷинса; ~**ые цветы́** гулҳои дуҷинса

двупо́лье *с с.-х.* заминдамдиҳӣ *(як тарзи киштгардон, ки ҳар сол нисфи замин дам дода мешавад)*

двупо́льный, -ая, -ое *с.-х.* ...и заминдамдиҳӣ

двуро́гий, -ая, -ое душох(а); ~ **носоро́г** каркадани душох

двуру́чн||ый, -ая, -ое дудаста; ~**ая пила́** арраи дудаста

двуру́шник *м* дуруя, риёкор, мунофиқ

двуру́шница *женск. к* **двуру́шник**

двуру́шничать *несов.* дуруягӣ (риёкорӣ, мунофиқӣ) кардан

двуру́шнический, -ая, -ое ...и дуруя, ...и риёкор, ...и мунофиқ, риёкорона, мунофиқона

двуру́шничество *с* дуруягӣ, риёкорӣ, мунофиқӣ

двуска́тн||ый, -ая, -ое дуобдава, дунишеба, шервонипуш; ~**ая кры́ша** бомӣ шервонипуш

двусло́жн||ый, -ая, -ое дуҳиҷоӣ; ~**ое сло́во** калимаи дуҳиҷоӣ

двусмы́сленност||ь *ж* 1. думаъноӣ,

думаънидорӣ 2. иҳом; **говорить ~и** иҳом гуфтан

двусмысленн||ый, -ая, -ое (двусмыслен, -на, -но) 1. думаънодор, тагдор, сарбаста; **~ый разговор** суҳбати тагдор 2. духура, ...и иҳом; **~ая шутка** ҳазли духура

двусмыслица *ж разг.* духурагӣ

двусоставн||ый, -ая, -ое дутаркиба, дуқисма; **~ое предложение** *грам.* ҷумлаи дутаркиба

двуспальн||ый, -ая, -ое дукаса; **~ая кровать** кати дукаса

двустволка *ж* милтиқи думила

двуствольн||ый, -ая, -ое думила; дутана, дуқуша; **~ое ружьё** милтиқи думила

двустворчат||ый, -ая, -ое дутабақа; **~ая дверь** дари дутабақа

двустишие *с* байт

двустопный, -ая, -ое *лит.* дурукна; **~ ямб** ямби дурукна *(вазни шеър)*

двусторонн||ий, -яя, -ее 1. дутарафа; **~ее уличное движение** ҳаракати дутарафаи куча 2. *(о ткани)* дуруя; **~ее сукно** моҳути дуруя 3. дутарафа, дуҷониба, тарафайн; **~ее соглашение** созишномаи дутарафа; **~яя радиосвязь** алоқаи дутарафаи радио

двутавров||ый, -ая, -ое *тех.* дутарош; **~ая балка** болори дутарош

двууглекисл||ый, -ая, -ое *хим.* гидрокарбонат; **~ая сода** гидрокарбонати натрий

двух= *см.* **дву=**

двухактн||ый, -ая, -ое дупардагӣ; **~ая комедия** мазҳакаи дупардагӣ

двухвалентный, -ая, -ое *хим.* дувалента

двухвёрстка *ж разг.* харитаи дучақрима *(харитаи ҷуғрофие, ки як дюйми он баробари ду чақрим аст)*

двухвесельн||ый, -ая, -ое дубела; **~ая лодка** завраки дубела

двухгодичн||ый, -ая, -ое дусола; **~ые курсы** курси (курсҳои) дусола

двухгодовалый, -ая, -ое дусола; **~ ребёнок** кудаки дусола

двухголовый, -ая, -ое дусара

двухголосн||ый, -ая, -ое дуовоза; **~ое пение** хониши дуовоза

двухдневный, -ая, -ое дуруза; **~ семинар** семинари дуруза; **~ запас топлива** захираи дурузаи сузишворӣ

двухдюймовка *ж* тахтаи дудюймӣ *(тахтае, ки ғафсиаш тақрибан 50 мм мебошад)*

двухжильный, -ая, -ое дуришта; **~ провод** сими дуришта

двухквартирный, -ая, -ое дуквартирагӣ, дуквартирадор; **~ дом** иморати дуквартирагӣ

двухкилометровка *ж разг.* харитаи дукилометрӣ *(харитаи ҷуғрофие, ки як сантиметри он баробари ду километр аст)*

двухколейный, -ая, -ое *ж.-д.* дуқатора, духата; **~ путь** роҳи оҳани дуқатора

двухколёсн||ый, -ая, -ое дучарха, дуғилдирака; **~ая тележка** аробаи дучарха

двухкомнатн||ый, -ая, -ое духонагӣ, духонадор; **~ая квартира** квартираи духонагӣ

двухкопеечн||ый, -ая, -ое дутина; **~ая монета** тангаи дутина

двухкрасочн||ый, -ая, -ое 1. дуранга 2. ...и чопи дуранга; **~ая машина** мошини чопи дуранга

двухламповый, -ая, -ое дулампагӣ, дулампадор; **~ радиоприёмник** радиоприёмники дулампадор

двухлемешный, -ая, -ое дупозагӣ, дуоҳана; **~ плуг** плуги дуоҳана

двухлетка *ж прост.* ҷавона, дусола; **конь-~** аспи дусола

двухлетний, -яя, -ее дусола; **~ стаж** стажи дусола; **~ ребёнок** кудаки дусола

двухмачтов||ый, -ая, -ое дусутуна; **~ое судно** киштии дусутуна

двухместн||ый, -ая, -ое дукаса; **~ая каюта** каютаи дукаса

двухмесячный, -ая, -ое думоҳа; **~ отпуск** отпуски думоҳа; **~ ребёнок** кудаки думоҳа

двухмоторный, -ая, -ое думотора, думотордор; **~ самолёт** самолёти думотора

двухнедельный, -ая, -ое дуҳафтагӣ, дуҳафтаина; **~ отпуск** отпуски дуҳафтаина; **~ ребёнок** кӯдаки дуҳафтагӣ

двухосный, -ая, -ое думеҳвара, дутира; **~ автомобиль** автомобили думеҳвара

двухпалатн||ый, -ая, -ое дупалатагӣ; **~ая система** системаи дупалатагӣ

двухпалубн||ый, -ая, -ое дусаҳна; **~ое судно** киштии дусаҳна

двухпартийн||ый, -ая, -ое дупартиягӣ; **~ая система** системаи дупартиягӣ *(дар ШМА, Англия ва баъзе дигар мамлакатҳои капиталистӣ)*

двухпроцентный, -ая, -ое дуфоиза; **~ раствор** маҳлули дуфоиза

двухрядка *ж разг.* *(двухрядная гармонь)* гармон

двухрядный, -ая, -ое дуқатора

двухсменн||ый, -ая, -ое дусменагӣ; **~ая работа** кори дусменагӣ

двухсотлетие *с* 1. *(срок)* дусад сол, дусадсола 2. *(годовщина)* дусадсолагӣ

двухсотлетний, -яя, -ее дусадсола, дусадсолагӣ; **~ юбилей** ҷашни дусадсолагӣ

двухсотый, -ая, -ое *числ.* дусадум, дусадумин

двухстепенн||ый, -ая, -ое дударачагӣ, думарҳалагӣ; **~ые выборы** интихоботи думарҳалагӣ

двухструнный, -ая, -ое дутора

двухсуточный, -ая, -ое душабонаруза

двухтактн||ый, -ая, -ое 1. *муз.* дузарба; **~ая пауза** фосилаи дузарба 2. *тех.* дутакта; **~ый двигатель** муҳаррики дутакта

двухтомник *м* дуҷилда

двухтомн||ый, -ая, -ое дуҷилда; **~ое произведение** асари дуҷилда

двухтысячн||ый, -ая, -ое 1. *числ.* дуҳазорум; **~ый номер** раками (шумораи) дуҳазорум 2. *прил.* дуҳазора, ду ҳазор доштагӣ; **~ое стадо овец** рамаи дуҳазораи гусфандон

двухцветный, -ая, -ое дуранга; **~ флаг** байрақи дуранга

двухчасов||ой, -ая, -ое 1. дусоата; **~ая беседа** суҳбати дусоата 2. ...и соати ду; **~ой поезд** поезди соати ду

двухъярусный, -ая, -ое дуқабата; **~ театр** театри дуқабата

двухэтажный, -ая, -ое дуошьёна; **~ дом** иморати дуошьёна

двучлен *м мат.* дуузва

двучленн||ый, -ая, -ое *мат.* ...и дуузва; **~ое уравнение** муодилаи дуузва

двуязычие *с* дузабонӣ (1. *мавҷуд будани ду забони баробарҳуқуқ дар ягон мамлакат ё вилоят* 2. *баробар донистани ду забон)*

двуязычн||ый, -ая, -ое дузабона; **~ое население** аҳолии дузабона; **~ый словарь** луғати дузабона

-де *частица прост.* маълум шуд, ки...; назар ба гуфтаи у (онҳо)...; овоза шуд, ки...; гап-гап шуд, ки...; **если бы ему дали всё необходимое, он-де наладил бы работу** агар имкон диҳанд, назар ба гуфтаи худаш, корро ба роҳ мемондааст

де= (**дез=**) *приставка префиксе, ки таназзул набудани чизе ва ғ. ифода мекунад:* **деградация** таназзул, завол; **деквалификация** ихтисосгумкунӣ

дебаркадер *м* 1. бандари сайёр 2. *уст. ж.-д.* саҳни истгоҳи роҳи оҳан

дебатировать *несов. что, о чём и без доп.* мубоҳиса (музокира, мунозира) кардан; **~ вопрос** масъаларо мавриди баҳс карор додан

дебатироваться *несов. страд.* мубоҳиса (музокира, мунозира) карда шудан

дебаты *тк. мн.* мубоҳиса, музокира, мунозира

дебелый, -ая, -ое (дебел, -а, -о) *уст.* фарбеҳ, бардам

дебет *м бухг.* дебет *(номи тарафи чапи ҳисобҳои бухгалтерӣ)*

дебетовать *сов., несов. что бухг.* ба дебет даровардан

дебетов||ый, -ая, -ое *бухг.* дебетӣ, ...и дебет; **~ая запись** қайди дебетӣ

дебит *м тех.* дебит *(миқдори моеъ, мас. нафте, ки аз кон дар муддати муайян мебарояд)*; **~ нефтяной скважины** дебити чоҳи нафт

дебитор *м бухг.* дебитор, қарздор

дебиторск||ий, -ая, -ое *бухг.* дебиторӣ, ...и дебитор; **~ая задолженность** қарзи дебиторҳо

деблокирование *с* *(по знач. гл.* **деблокировать)** аз муҳосира халос (озод) кардан(и)

деблокировать *сов., несов. кого-что воен.* аз муҳосира халос (озод) кардан

дебош *м* ҷанҷол, хархаша, арбада

дебошир *м* ҷанҷолӣ, хархашагар, ҷангара, арбадаҷӯ

дебоширить *несов.* ҷанҷол (хархаша, арбада) кардан

дебоширство *с* ҷанҷол, хархаша, арбада

дебри *мн.* (*ед.* **дебрь** *ж уст.*) 1. ҷои ғулии (душворгузари) ҷангалзор; гус-

тые ~ ҷойҳои анбӯҳи ҷангалзор; **непрола́зные** ~ ҷойҳои душворгузари ҷангалзор // *разг.* *(глушь)* ҷои дурдаст (дастнорас) 2. *перен.* соҳаҳои, (қисматҳои) мураккабу печ дар печ; соҳаҳои кам тадқиқшудаи ягон илм

дебю́т *м* дебют (1. *аввалин баромади артист дар саҳна* 2. *қадами аввал дар ягон соҳа* 3. *шахм. оғози бозӣ дар шатранҷ)*

дебюта́нт *м* дебютант (*шахсе, ки аввалин дафъа дар соҳае баромад мекунад)*

дебюта́нтка *женск. к* **дебюта́нт**

дебюти́ровать *сов., несов.* дебют кардан

дебю́тный, -ая, -ое дебютӣ, ...и дебют, аввал; ~ **спекта́кль** спектакли (намоиши) дебютӣ; ~ **ход** *шахм.* гашти аввал

де́ва *ж уст. поэт.* духтар, бокира ◇ **ста́рая** ~ пирдухтар; **оста́ться в** ~**х** пирдухтар шуда мондан

девальвацио́нный, -ая, -ое девальвационӣ, ...и девальвация

девальва́ция *ж* девальвация, беқурбшавии пул (*ислоҳоти пул, ки аз паст гардидани қурби тиллоии воҳиди пул ва фуровардани баҳои пули коғаз иборат аст)*

девана́гари *с нескл.* деваногарӣ (*хати ҳиндӣ)*

дева́||ть *разг.* 1. *несов. (тк. неопр. и наст.) см.* **деть**; **не́куда** ~**ть кни́ги** китобҳоро ҷои мондан нест 2. *сов. (тк. прош.) см.* **деть**; **куда́ я** ~**л кни́гу?** китобро куҷо монда бошам?

дева́ться *разг* 1. *несов. (тк. неопр. и наст.) см.* **де́ться**; **он не знал, куда́** ~ **от стыда́** аз шарм замин намекафид, ки дарояд 2. *сов. (тк. прош.) см.* **де́ться**; **куда́ он дева́лся?** вай куҷо шуд?

де́верь *м* бародаршуй, додаршуй

девиа́ция *ж* девиация, майлон (1. *физ. майлони ақрабаки компас аз хати меридиани магнитӣ дар натиҷаи таъсири оҳан* 2. *ав., мор., воен. майлони самолёт, киштӣ, тир ва ғ. аз роҳи худ бо таъсири ягон чиз бо сабабе* 3. *физ. нисбат ба бузургии миёна хеле фарқ кардани басомад* 4. *биол. таҳрифи инкишофи мӯътадили ин ё он узви организм)*; ~ **хо́да корабля́** майлони киштӣ

деви́з *м* 1. девиз, шиор; ~ **пионе́ров — «Всегда́ гото́в!»** шиори пионерон — «Доим тайёр!» 2. имзои мустаор (*калима ё ибораe, ки дар конкурсҳо муаллифи асар шартан ба ҷои номи худаш мегузорад)*

деви́ца *и фольк.* **де́вица** *ж уст.* духтар; **де́вица-краса́вица** паридухтар ◇ **кра́сная де́вица** «духтари хона» (*киноя аз ҷавони шармин*); **в деви́цах** дар духтарӣ

деви́ческий, -ая, -ое *см.* **де́вичий**

деви́честв||о *с* духтарӣ; **в** ~**е** дар духтарӣ

де́вич||ий, -ья, -ье духтарӣ, духтарона, ...и духтар, ...и дӯшиза; ~**ьи ли́ца** чеҳраҳои духтарон; ~**ья фами́лия** фамилияи духтарӣ ◇ **де́вичья па́мять** *шутл.* ҳофизаи заиф, фаромӯшхотирӣ

деви́чник *м уст.* духтарбаророн, зиёфати духтарон (*шаби меҳмондории дугонаҳо пеш аз никоҳ дар хонаи арӯс)*

де́вичья *ж ист.* хонаи духтархонаҳо, хонаи хизматгордухтарон

де́вка *ж* 1. *прост. и обл.* духтар 2. *уст.* деҳқондухтар, духтари деҳқон ◇ **у́личная** ~ *груб.* фоҳиша; **засиде́ться (сиде́ть) в** ~**х** *прост.* пирдухтар шудан; **оста́ться в** ~**х** *прост.* пирдухтар шуда мондан

дево́н *м геол.* девон (*давраи чорӯми эраи палеозой дар таърихи Замин)*

дево́нск||ий, -ая, -ое *геол.* девонӣ, ...и девон; ~**ие отложе́ния** таҳнишинҳои девонӣ ◇ ~**ий пери́од**, ~**ая систе́ма** *см.* **дево́н**

де́вочка *ж* духтарча, духтарак

де́вственник *м* марди заннадида, муҷарради пок

де́вственница *ж* бокира, афифа, духтари бикр

де́вственность *ж* 1. (*целомудрие*) духтарӣ, иффат, бакорат // *перен.* (*непорочность*) бегуноҳӣ, беайбӣ, исмат 2. бикр

де́вственн||ый, -ая, -ое (де́вствен, -на, -но) 1. (*целому́дренный*) боиффат, бикр, бокира // *перен.* (*непорочный*) бегуноҳ, беайб, боисмат 2. (*нетронутый*) бикр; ~**ая по́чва** замини бикр

де́вушка *ж* 1. духтар, ҷавондухтар, дӯшиза 2. *уст.* (*служанка, горничная*) хизматгорзан, духтархона

девча́та *тк. мн. разг.* духтарон, духтарҳо, ҷавондухтарон, дӯшизагон

девчо́нка *ж разг.* духтарак

девчо́ночий, -ья, -ье *разг.* ...и духтарак

девчу́рка *ж разг. ласк. к* **де́вочка** духтарча

девчу́шка *ж разг. ласк. к* **де́вочка** духтарча, духтарак

девяно́сто *числ.* навад

девяно́стый, -ая, -ое *числ.* навадум

девяси́л *м бот.* росан (*гиёҳи бехмевадор, ки бехаш тундмаза ва дору аст)*

де́вятеро *числ. собир.* нӯҳ, нӯҳто; нӯҳ нафар, нӯҳ кас; ~ **су́ток** нӯҳ шабонарӯз; ~ **сынове́й** нӯҳто писар; **нас бы́ло** ~ мо нуҳ нафар будем

девяти= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «нӯҳ»:* **девятигра́дусный** нӯҳдараҷагӣ; **девятинеде́льный** нуҳҳафтаина

девятигра́нник *м* нӯҳпаҳлу, нӯҳқирра

девятигра́нный, -ая, -ое нӯҳпаҳлу, нӯҳқирра

девятикла́ссник *м* талабаи синфи нӯҳум

девятикла́ссница *ж* толибаи синфи нӯҳум

девятикра́тн||ый, -ая, -ое нӯҳкарата, нӯҳкаратӣ; нӯҳ баробар, нуҳчанд; **в** ~**ом разме́ре** ба андозаи нӯҳ карат

девятиле́тк||а *ж* мактаби нӯҳсола; **око́нчить** ~**у** мактаби нуҳсоларо тамом кардан

девятиле́тний, -яя, -ее нӯҳсола; ~ **ма́льчик** бачаи нӯҳсола

девятиме́сячный, -ая, -ое нӯҳмоҳа; ~ **ребёнок** кудаки нӯҳмоҳа

девятисо́тый, -ая, -ое *числ.* нӯҳсадум

девятиуго́льник *м* нӯҳкунҷа, нӯҳгӯша

девятиуго́льный, -ая, -ое нӯҳкунҷа, нуҳгӯша

девятиэта́жный, -ая, -ое нӯҳошёна, нӯҳқабата; ~ **дом** иморати нӯҳошёна

девя́тк||а *ж* 1. (*цифра*) нӯҳ, рақами нӯҳ // *разг.* (*троллейбус, автобус*) троллейбуси (автобуси) нӯҳум // *разг.* (*группа из девяти единиц*) нӯҳто, нӯҳ; ~**а самолётов** нӯҳто самолёт 2. *карт.* картаи нӯҳхола 3. (*игра в карты*) девятка; **игра́ть в** ~**у** девятка бозӣ кардан

девятна́дцатый, -ая, -ое *числ.* нуздаҳум

девятна́дцать *числ.* нуздаҳ

девя́тый, -ая, -ое *числ.* нӯҳум ◇ ~ **вал** 1) нараи ниҳоӣ 2) авҷи аъло

де́вять *числ.* нӯҳ

девятьсо́т *числ.* нӯҳсад

де́вятью *нареч.* нӯҳ карат; ~ **три — два́дцать семь** нӯҳ карат се — бисту ҳафт

дегаза́тор *м* 1. (*аппарат*) дегазатор 2. (*специалист*) дегазациячӣ, коркуни (мутахассиси) дегазация 3. (*вещество*) моддаи дегазациякунанда

дегазацио́нн||ый, -ая, -ое ...и дегазация, ...и дегазациякунӣ; ~**ая ка́мера** камераи дегазациякунӣ

дегаза́ция *ж* дегазация (*рафъи моддаҳои заҳрнок*); ~ **ме́стности** дегазацияи маҳал

дегази́ровать *сов., несов. что* дегазация кардан

дегенера́т *м* одами ношуд, бадчинс, ноқисулақл

дегенерати́вность *ж* ношудӣ, бадчинсӣ

дегенерати́вный, -ая, -ое (дегенерати́в|ен, -на, -но) ношуд, бадчинс

дегенера́ция *ж* (*вырождение*) бадчинс шудан(и)

дегенери́ровать *сов., несов.* бадчинс шудан

дёготь *м* қатрон, зифт, равғани ароба; **древе́сный** ~ қатрони дарахт; **гнать** ~ қатрон кашидан ◇ **ло́жка дёгтю в бо́чку мёда** *посл.* ≈ аз кассофати як шум сузад шаҳри Рум

деграда́ция *ж* таназзул, завол; ~ **иску́сства** таназзули санъат

деградировать *сов., несов.* таназзул кардан, завол ёфтан

дегтя́рник *м* қатронкаш

дегтя́рн||ый, -ая, -ое қатронӣ, зифтӣ, ...и қатрон, ...и зифт; ~**ый за́пах** буи қатрон; ~**ый заво́д** заводи қатрон; ~**ое мы́ло** собуни қатрон

дегтя́рня *ж* хонаи қатронкашӣ

дегуста́тор *м* чошнигир

дегустацио́нн||ый, -ая, -ое ...и чошнигирӣ; ~**ая коми́ссия** комиссияи чошнигирӣ

дегуста́ция *ж* чошнигирӣ (*аз рӯи таъм муайян кардани сифати маҳсулот дар истеҳсолот)*; ~ **ча́я** чошнигирии чой

дегусти́ровать *сов., несов. что* чошнӣ гирифтан; ~ **вино́** чошнии майро гирифтан

дед *м* 1. бобо, падаркалон, ҷад 2. *обращ. разг.* бобо 3. *мн.* **деды** аҷдод, бобову бобокалон; **наши ~ы** аҷдоди мо; **~ы и прадеды, отцы и ~ы** бобову аҷдод

дедвейт *м мор.* дедвейт *(борбардории пурраи киштӣ)*

дедерон *м* дедерон *(номи тиҷоратии нахи полиамидӣ дар ГДР)*

дедов, -а, -о ...и бобо, аз они бобо; **~а шуба** пустини бобо

дедовск||ий, -ая, -ое 1. бобоӣ, аҷдодӣ, ...и бобоён, ...и аҷдод 2. кӯҳна, қадима; **~ие обычаи** одатҳои кӯҳна

дедуктивный, -ая, -ое дедуктивӣ, ...и дедукция; **~ метод** методи дедуктивӣ

дедукция *ж лог.* дедукция *(усули мулоҳиза, ки мувофиқи он аз нуктаҳои кулл ба ҷузъ меоянд)*

дедуцировать *сов., несов. что лог.* дедукция кардан, аз рӯи дедукция хулоса баровардан

дедушка *м ласк.* 1. *см.* дед 1; 2. *обращ.* бобоҷон

дедушкин, -а, -о ...и бобо, аз они бобо; **~ы очки** айнаки бобо

деепричастие *с грам.* феъли ҳол

деепричастн||ый, -ая, -ое *грам.* феълиҳолӣ; ...и феъли ҳол; **~ые формы** шаклҳои феъли ҳол; **~ый оборот** ибораи феълиҳолӣ

дееспособность *ж* 1. қобилияти фаъолият (амалиёт), салоҳият, қоронӣ; **проявить ~** салоҳияти худро нишон додан 2. *юр.* мукаллафият

дееспособн||ый, -ая, -ое (дееспособен, -на, -но) 1. қобили фаъолият (амалиёт), корояи; **~ая организация** ташкилоти қобили амалиёт 2. *юр.* мукаллаф; **~ый гражданин** гражданини мукаллаф

дежа *ж* 1. *обл.* корсон 2. тағора

дежурить *несов.* 1. навбатдорӣ кардан; **~ по школе** дар мактаб навбатдорӣ кардан 2. ҳамеша ҳозир будан; дур нашудан; **~ у постели больного** аз сари бемор дур нашудан

дежурка *ж разг.* хоначаи навбатдорон

дежурн||ый, -ая, -ое 1. навбатдор, нигаҳбон; **~ый врач** духтури навбатдор; **~ая телефонистка** телефончии навбатдор // нигаҳбон *(аз вақти муқаррари зиёд ё дар соатҳои танаффусу рӯзҳои дамгирӣ кор мекардагӣ)*; **~ая аптека** аптекаи нигаҳбон; **~ый магазин** магазини нигаҳбон 2. *в знач. сущ.* **дежурный** *м,* **дежурная** *ж* навбатдор; **~ый по станции** навбатдори станция 3. *в знач. сущ.* **дежурная** *ж (помещение)* хонаи навбатдорон ◇ **~ое блюдо** таоми тайёр

дежурств||о *с* навбатдорӣ; **установить ~о** навбатдорӣ муқаррар кардан; **смениться с ~а** аз навбатдорӣ озод шудан, навбат супурдан

дез: *см.* **де:**

дезабилье *с нескл. уст.* нимбараҳнагӣ, нимлуҷӣ

дезавуировать *сов., несов. кого-что книжн.* соқит кардан, аз эътибор соқит кардан; **~ посла** сафирро аз эътибор соқит кардан; **~ своё мнение** изҳороти худро соқит кардан

дезактивация *ж воен., хим.* дезактивация *(рафъи моддаҳои радиоактивӣ)*

дезертир *м* гуреза, фирорӣ // *перен.* коргурез

дезертировать *сов., несов.* аз хизмат гурехтан, фирор кардан // *перен.* коргурезӣ кардан

дезертирский, -ая, -ое ...и гуреза, ...и фирорӣ // *перен.* ...и коргурез

дезертирство *с* фирор // *перен.* коргурезӣ

дезидераты *мн.* 1. *уст.* тақозо, талаб 2. камбуд, норасоӣ, чизҳои зарур

дезинсектор *м* дезинсектор, дезинсекциякунанда

дезинсекционн||ый, -ая, -ое дезинсекционӣ, ...и дезинсекция; **~ые средства** воситаҳои дезинсекция; **~ая камера** хонаи (камераи) дезинсекция

дезинсекция *ж* дезинсекция *(бо воситаҳои махсус нест кардани ҳашароти зараррасон)*; **~ одежды** дезинсекцияи либос

дезинтегратор *м тех.* сангмайдакунак

дезинтеграция *ж* тақсим, таҷзия, ҷудокунӣ

дезинфектор *м* дезинфектор, тамьизкунанда

дезинфекционный, -ая, -ое дезинфекционӣ, ...и тамьиз; **~ отряд** дастаи тамьизкунандаҳо

дезинфекци||я *ж* дезинфекция, тамьиз *(нест кардани микробҳои сирояткунанда бо тадбирҳои махсус)*; **произвести ~ю** тамьиз кардан

дезинфицирование *с (по знач. гл.* **дезинфицировать)** дезинфекциякунӣ, тамьиз кардан(и)

дезинфицировать *сов., несов. что* тамьиз кардан; **~ одежду больного** либоси беморро тамьиз кардан

дезинфицироваться 1. *сов., несов.* тамьиз шудан 2. *несов.* тамьиз карда шудан

дезинфицирующ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* тамьизкунанда 2. *прил.* дезинфекционӣ, ...и тамьиз; **~ее средство** моддаи тамьиз 3. *в знач. сущ.* **дезинфицирующее** *с то же, что* **~ее средство**

дезинформация *ж* дуруғ, фиреб, гулзанӣ, маълумоти дуруғ

дезинформировать *сов., несов. кого-что* гул задан, фиреб додан, маълумоти дуруғ паҳн намудан

дезинформироваться *несов. страд.* фиреб хурдан

дезодоратор *м* буйбар *(модда ё асбобе, ки бӯи бадро нест мекунад)*

дезодорация *ж* буйбарӣ, хушбуйкунӣ

дезодорировать *сов., несов. что* хушбуй кардан

дезорганизатор *м* вайронкор

дезорганизация *ж* бетартиб (вайрон) кардан(и); **~ производства** вайрон кардани

дезорганизованный, -ая, -ое 1. *прич.* вайрон кардашуда 2. *прил.* бетартиб, бенизом

дезорганизовать *сов., несов. кого-что* вайрон кардан; **~ работу** корро вайрон кардан

дезорганизоваться 1. *сов., несов.* вайрон (бенизом) шудан, 2. *несов. страд.* вайрон (бенизом) карда шудан

дезориентация *ж (по знач. гл.* **дезориентировать)** гумроҳӣ, гумроҳкунӣ; *(по знач. гл.* **дезориентироваться** 1) гумроҳшавӣ

дезориентировать *сов., несов. кого-что* гумроҳ кардан

дезориентироваться 1. *сов., несов.* гумроҳ шудан 2. *несов. страд.* гумроҳ карда шудан

деизм *м филос.* деизм *(таълимоти фалсафии динии асрҳои 17—18, ки худоро холиқи олам шумурда, вале мудохилаи минбаъдаи вайро дар табиату инкишофи ҷамъият инкор мекунад)*

деист *м филос.* деист, пайрави деизм

деистическ||ий, -ая, -ое *филос.* деистӣ, ...и деизм; **~ое мировоззрение** ҷаҳонбинии деистӣ

действенность *ж* таъсирбахшӣ, муассирӣ; **~ критики** таъсирбахшии танқид

действенн||ый, -ая, -ое (действен, -на, -но) таъсирбахш, амалӣ, муассир; **~ые меры** чораҳои амалӣ

действи||е *с* 1. амал, амалиёт; **план ~й** нақшаи амалиёт; **единство ~й** ягонагии амалиёт // *мн.* **действия** *воен.* амалиёт; **военные ~я** амалиёти ҳарбӣ 2. кор, ҳаракат, амал; **привести машину в ~е** мошинро ба ҳаракат овардан (ба кор андохтан) 3. эътибор, расмият; **продлить ~е договора** мӯҳлати эътибори шартномаро дароз тар кардан; **соглашение вошло в ~е с первого января** созишнома аз якуми январь ба расмият даромад 4. таъсир; **~е лекарства** таъсири дору; **благотворное ~е** таъсири мусоид; **под ~ем солнечных лучей** таҳти таъсири шуоъҳои офтоб; **игра актёра произвела сильное ~е на зрителей** бозии актёр ба тамошобинон таъсири зӯр бахшид 5. *чаще мн.* **действия** рафтор, кирдорҳо; **самовольные ~я** кирдорҳои худсарона; **одобрить чьй-л. ~я** рафтори касеро маъқул донистан 6. воқеа, ҳодиса; **~е происходит в Ленинграде** ҳодиса дар Ленинград рӯй медиҳад 7. *театр.* парда; **пьеса в четырёх ~ях** пьесаи чорпардагӣ 8. *мат.* амал; **четыре ~я арифметики** чор амали ҳисоб, ҳисоби чорамал

действительно *нареч.* 1. ҳақиқатан, дар ҳақиқат; **он ~ заболел** вай ҳақиқатан касал шуд 2. *в знач. вводн. сл.* воқеан, дар воқеъ; **~, вы были правы** дар воқеъ, гапи шумо ҳақ будааст

действительност||ь *ж* 1. воқеият, ҳақиқат; **это не сон, а ~ь** ин хоб не, ҳақиқат аст 2. муҳит, ҳаёт, зиндагӣ; **современная ~ь** ҳаёти ҳозира 3. ҳақиқат, ҳақиқӣ будан(и), эътибор (қувват) доштан(и); **~ь документа** ҳа-

қиқӣ будани ҳуҷҷат ◇ в ~и дар ҳақиқат, ҳақиқатан

действительн||ый, -ая, -ое (действите|лен, -льна, -льно) 1. ҳақиқӣ, воқеӣ; аслӣ; **~ое событие** ҳодисаи воқеӣ; **это его ~ые слова** ин суханҳои ҳақиқии вай аст 2. таъсирнок, таъсирбахш; **~ое средство** чораи таъсирбахш 3. *чаще кр. ф.* эътиборнок, боэътибор; **билет действителен в течение трёх суток** билет се шабонаруз эътибор дорад ◇ **~ый залог** *грам.* тарзи фоил; **~ая служба** *воен.* хизмати ҳарбӣ; **~ое число** *мат.* адади ҳақиқӣ; **~ый член Академии наук** аъзои ҳақиқии Академияи фанҳо

действова||ть *несов.* 1. кор (рафтор, амал) кардан; **~ть сообразно закону** мувофиқи қонун амал кардан; **~ть неосмотрительно** бе мулоҳиза кор (рафтор) кардан; **отряд ~л в тылу [у] врага** отряд дар ақибгоҳи душман амал мекард 2. кор кардан; **телефон не действует** телефон кор намекунад; **машина хорошо действует** мошин хуб кор мекунад 3. *чем разг.* ҳаракат (кор, амал) кардан; **~ть одной рукой** якдаста кор кардан 4. *на кого-что и без доп.* таъсир (асар) кардан; **слова на него не действуют** ба вай гап асар намекунад 5. эътибор (қувват) доштан, дар амал (ҷорӣ) будан; **закон действует со дня его опубликования** қонун аз рузи эълон шуданаш эътибор пайдо мекунад ◇ **~ть на нервы** *кому* ба асаб расидан, асабонӣ кардан

действующ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* ҳаракаткунанда, коркунанда, амалкунанда 2. *прил.* ҷорӣ; **~ие законы** қонунҳои ҷорӣ ◇ **~ая армия** *воен.* армияи амалкунанда; **~ий вулкан** вулкани оташфишон; **~ее лицо** 1) *лит.* қаҳрамон 2) иштироккунанда; **~ие лица и исполнители** *театр.* иштироккунандагон ва иҷрокунандагони рольҳо

дека *ж муз.* коса (*қисми созҳои мусиқӣ*); **верхняя ~** косаи боло

дека: *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки дар системаи ченакҳо барои ифодаи мафҳуми «даҳ» кор фармуда мешавад:* **декаметр** декаметр, даҳ метр; **декалитр** декалитр, даҳ литр

декабрист *м ист.* декабрист (*иштироккунандаи шуриши 14 декабри соли 1825 дар Россия*); **восстание ~ов** шуриши декабристон

декабристский, -ая, -ое декабристӣ, ...и декабрист

декабрь *м* декабрь, моҳи декабрь

декабрьск||ий, -ая, -ое декабри, ...и моҳи декабрь; **~ие морозы** хунукиҳои моҳи декабрь

декаграмм *м* декаграмм, даҳ грамм

декада *ж* даҳруза, даҳа; **первая ~ месяца** даҳаи якуми моҳ; **~ таджикской литературы и искусства** даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик

декаданс *м книжн. см.* **декадентство**

декадент *м* декадент, пайрави декаданс; **поэты-~ы** шоирони декаданс

декадентка *женск. к* **декадент**

декадентский, -ая, -ое декадансӣ, ...и декаданс

декадентство *с лит., иск.* декаданс (*равияи санъати буржуазии охири асри 19 ва аввалҳои асри 20-ум, ки ба он руҳафтодагӣ, дуньёбезорӣ, одамнописандӣ ва фачгуию фисқпарастӣ хос аст*)

декадн||ый, -ая, -ое даҳрузагӣ, ...и даҳруза; ...и даҳа; **в ~ый срок** дар муддати даҳ руз; **~ое задание** супориши даҳруза

декалитр *м* декалитр, даҳ литр

декалькировать *сов., несов. что* декалькомания кардан

декалькомания *ж полигр.* декалькомания (*тарзи аз коғаз ба шиша, чуб ва ба сатҳи чизҳои дигар гузарондани суратҳои рангин*)

декаметр *м* декаметр, даҳ метр

декан *м* декан; **~ филологического факультета** декани факультети филология

деканат *м* деканат; **по распоряжению ~а** мувофиқи фармоиши деканат // деканат, идораи декан

декатированный, -ая -ое 1. *прич.* буғтобшуда 2. *прил.* буғтоб; **~ материал** газвори буғтоб

декатировать *сов., несов. что* буғтоб кардан (*дар буғ пазондани газвори пашмӣ барои беҳтар шудани сифати онҳо*)

декатировка *ж* (*по знач. гл.* **декатировать**) буғтоб кардан(и)

дёскать *частица разг.* (*ҳиссачае, ки барои ифодаи нақли нутқи дигарон кор фармуда мешавад*) маълум шуд, ки..., назар ба гуфтаи у (онҳо)..., овоза шуд, ки... , гап-гап шуд, ки...; **ты,** ~, **сам винова́т** овоза шуд, ки айб дар худи туст

десмурги́я *ж мед.* десмургия, илми бандинабандӣ

десна́ *ж* вора, милки дандон

десни́ца *ж уст. поэт.* дасти рост (ямин); даст

дёспот *м* 1. *ист.* ҳокими мустабид 2. *перен.* худсар; ситамгар, золим

деспоти́зм *м* 1. истибдод; ~ **самодержа́вия** истибдоди мутлақият 2. *перен.* худсарӣ; ситамгарӣ, золимӣ

деспоти́ческ||ий, -ая, -ое 1. мустабид, истибдодӣ; ~**ое госуда́рство** давлати мустабид 2. *перен.* худсар; ситамгар, золим(она); ~**ий хара́ктер** табиати золимона

деспоти́чность *ж* худсарӣ; ситамгарӣ, золимӣ

деспоти́чный, -ая, -ое (деспоти́ч|ен, -на, -но) *см.* **деспоти́ческий** 2

деспоти́я *ж* 1. истибдод (*усули ҳукуматдории мутлақа*) 2. давлати мустабид (истибдодӣ)

дёсятеро *числ. собир.* даҳ, даҳто; даҳ нафар, даҳ кас; **нас бы́ло** ~ мо даҳ нафар будем; **в** ~ **су́ток** дар даҳ шабонаруз

десяти: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «даҳ»:* **десятигра́нник** даҳпаҳлу, даҳқирра; **десятиэта́жный** даҳқабата, даҳошьёна

десятибо́рец *м спорт.* варзишгари даҳҳарба (*дар даҳ навъи спорт мусобиқакунанда*)

десятибо́рье *с спорт.* қувваозмоии даҳҳарба (*мусобиқа аз руч даҳ навъи варзиш*)

десятивёрстка *ж разг.* харитаи даҳчақрима (*харитаи ҷуғрофие, ки андозааш даҳ чақрим дар як дюйм аст*)

десятигра́нник *м* даҳпаҳлӯ, даҳқирра

десятигра́нный, -ая, -ое даҳпаҳлу, даҳқирра

десятидне́вка *ж разг.* даҳрӯза, даҳа

десятидне́вный, -ая, -ое даҳруза; ~ **о́тпуск** отпуски даҳруза; ~ **запа́с** захираи даҳруза

десятикилометро́вка *ж разг.* харитаи даҳкилометра (*харитаи ҷуғрофие, ки андозааш даҳ километр дар як сантиметр аст*)

десятикла́ссник *м* талабаи синфи даҳум

десятикла́ссница толибаи синфи даҳум

десятикла́ссный, -ая, -ое ...и синфи даҳ, ...и синфи даҳум; даҳсинфа

десятикопе́ечн||ый, -ая, -ое даҳтинӣ, даҳтина; ~**ая** монета тангаи даҳтина; ~**ая ма́рка** маркаи даҳтинӣ

десятикра́тн||ый, -ая, -ое даҳкарата, даҳкаратӣ, даҳ баробар, даҳчанд; **в** ~**ом разме́ре** ба андозаи даҳ карат; ~**ое повторе́ние** такрори даҳкаратӣ

десятиле́ти||е *с* 1. (*срок*) даҳ сол, даҳсола; **э́ти дере́вья стоя́т** ~**я** ин дарахтҳо даҳҳо сол боз ҳастанд 2. (*годовщина*) даҳсолагӣ; ~**е нау́чной и педагоги́ческой де́ятельности** даҳсолагии фаъолияти илмӣ ва педагогӣ

десятиле́тка *ж* мактаби даҳсола, мактаби миёна

десятиле́тний, -яя, -ее ...и даҳ сол; даҳсола; ~ **ма́льчик** бачаи даҳсола

десяти́на *ж уст.* десятина (1. *андозаи русии масоҳати замин баробари чор таноб ё* 1,09 *гектар* 2. *ушр*)

десяти́нный, -ая, -ое *уст.* десятинӣ, ...и десятина; якдесятинагӣ; ~ **наде́л земли́** замини якдесятинагӣ; ~ **сбор** маблағи ушр

десятирублёвка *ж разг.* [пули] даҳсумӣ, даҳсума

десятирублёв||ый, -ая, -ое даҳсӯмӣ, даҳсума; ~**ая игру́шка** бозичаи даҳсумӣ

десятиуго́льник *м* даҳкунҷа, даҳгуша

десятиуго́льный, -ая, -ое даҳкунҷа, даҳгуша

десяти́чн||ый, -ая, -ое аъшорӣ, даҳӣ; ~**ая систе́ма мер и весо́в** системаи даҳии андоза ва вазнҳо; ~**ые дро́би** *мат.* касри аъшорӣ (даҳӣ)

десятиэта́жный, -ая, -ое даҳқабата, даҳошьёна

деся́тка *ж* 1. (*цифра*) даҳ, рақами даҳ // *разг.* (*троллейбус, автобус и т. д.*) троллейбуси (автобуси) даҳум // *разг.* (*группа из десяти единиц*) даҳ нафар; даҳто, даҳтагӣ, даҳӣ; ~ **лу́чших игроко́в** даҳ нафар беҳтарин бозингарон 2. *карт.* даҳӣ; **бубно́вая** ~ даҳни хишт 3. *см.* **десятирублёвка**; 4. *спорт.* (*лодка*) завраҳи даҳбела

деся́тник *м* даҳбошӣ

деся́т||ок *м* 1. даҳ, даҳто, даҳ дона; ~**ок я́блок** даҳ дона себ; ~**ок папиро́с** даҳто папирос // (*о возрасте*) даҳ сол; даҳсола; **ему́ пошёл пя́тый** ~**ок** вай аз чил гузашт 2. *мн.* **деся́тки** *мат.* даҳҳо, даҳаҳо 3. *мн.* **деся́тки** даҳҳо; ~**ки люде́й** даҳҳо нафар (одамон); ~**ки часо́в** даҳҳо соат; **на** ~**ки киломе́тров тяну́лись леса́** бешазор ба дарозии даҳҳо километр тул кашидааст ◇ **не ро́бкого** ~**ка** аз тарсончакҳо не

деся́тский *м ист.* даҳбошӣ (*дар деҳоти Россияи подшоҳӣ — деҳқоне, ки ба вазифаи полициягӣ интихоб карда мешуд*)

деся́т||ый, -ая, -ое даҳум, ...и даҳ; ~**ый век** асри даҳум; **в** ~**ых чи́слах ноября́** [тақрибан] даҳумҳои ноябрь; ~**ые го́ды** солҳои даҳум (*аз 10 то 19 ягон аср*) ◇ **одна́** ~**ая** даҳьяк; **с пя́того на** ~**ое говори́ть (расска́зывать** *и т. п.*) бесару нуг (гоҳ аз ину гоҳ аз он) гап задан, алмой-алҷой гуфтан; **э́то де́ло** ~**ое** ин аҳамият надорад, ин муҳим не

де́сять *числ.* даҳ; ~ **челове́к** даҳ кас (нафар); ~ **киломе́тров** даҳ километр; **дней за** ~ **(за́ де́сять) до э́того** даҳ руз пеш аз ин; **за** ~**-двена́дцать киломе́тров отсю́да** аз ин ҷо даҳ-дувоздаҳ километр дур ◇ **за (под) десятью́ замка́ми** дар паси ҳафт парда; нон дар нондон — калидаш дар осмон

де́сятью *нареч.* даҳ карат; ~ **пять — пятьдеся́т** даҳ карат панҷ — панҷоҳ

дет: *қисми аввали калимаҳои мураккаби ихтисоршуда ба маънои «бачагона», «кудакона»:* **детдо́м** хонаи бачагон; **детса́д** боғчаи бачагон

детализа́ция *ж* (*по знач. гл.* **детализи́ровать**) тафсил, муфассал (бо тамоми ҷузъиёт) кор карда баромадан(и)

детализи́рование *с см.* **детализа́ция**

детализи́ровать *сов., несов. что* тафсил додан, муфассал (бо тамоми ҷузъиёт) кор карда баромадан, равшан кардан; ~ **план** муфассал кор карда баромадани план

детализи́роваться *несов. страд.* тафсил дода шудан, равшан карда шудан

детализо́вка *ж см.* **детализа́ция**

дета́л||ь *ж* 1. ҷузъиёт, тафсил; **по́мнить все** ~**и расска́за** тамоми тафсилоти ҳикояро дар хотир доштан 2. деталь, ҷузъ, қисми майдаи мошин; ~**и маши́ны** детальҳои мошин

дета́льность *ж* батафсилӣ, муфассалӣ; ~ **описа́ния** батафсилии тасвир

дета́льн||ый, -ая, -ое (дета́|лен, -льна, -льно) батафсил, муфассал; ~**ое иссле́дование** тадқиқоти муфассал; ~**ый разбо́р** тафтиши муфассал

детва́ *ж собир. пчел.* зочаҳои занбӯри асал

детвора́ *ж собир.* бачагон, кудакон

детдо́м *м* хонаи бачагон, сағирхона

детдо́мовец *м разг.* тарбиягирандаи хонаи бачагон

детдо́мовский, -ая, -ое ...и хонаи бачагон, ...и сағирхона

детекти́в *м* 1. (*сыщик*) муфаттиши (тергавчии) махфӣ 2. детектив, асари саргузаштӣ (пурмоҷаро)

детекти́вн||ый, -ая, -ое ...и саргузаштӣ, ...и моҷароҷуӣ; ~**ая литерату́ра** адабиёти саргузаштӣ

детекти́рование *с радио* детектиронӣ (*бо воситаи детектор ба лаппишҳои пастбасомад табдил додани лаппишҳои баландбасомад*)

дете́ктор *м радио* детектор (*олати қабули мавҷҳои электрики, як қисми радиоприёмник*); **полупроводнико́вый** ~ детектори нимноқилӣ

дете́кторный, -ая, -ое *радио* детекторӣ, ...и детектор; ~ **приёмник** приёмники детекторӣ

детёныш *м* бача *(бачаи аз модар ҷудо нашудаи ҳайвонот)*; ~ **кенгуру́** кенгурубача

детермини́зм *м филос.* детерминизм *(таълимоти илмӣ дар бораи қонуният ва сабабияти ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият)*

детермини́ровать *сов., несов. филос.* муайян (муқаррар) кардан

детермини́роваться *несов. страд.* муайян (муқаррар) карда шудан

детерми́нист *м филос.* детерминист *(тарафдори детерминизм)*

детерминисти́ческ||ий, -ая, -ое *филос.* детерминисти, детерминистона; ~**ая филосо́фия** фалсафаи детерминистӣ; ~**ие взгля́ды** назарияҳои детерминистӣ

детермини́стский, -ая, -ое *см.* **детерминисти́ческий**

де́ти *мн.* (*ед.* **дитя́** *с*) 1. бачагон, кӯдакон, тифлон; **кни́га для дете́й** китоб барои бачагон; **воспита́ние дете́й** тарбияи кӯдакон 2. *(сыновья или дочери)* фарзандон; **у неё тро́е дете́й** вай се фарзанд дорад 3. *(молодое поколение)* фарзандон, ҷавонон; **отцы́ и** ~ падарон ва фарзандон

дети́на *м прост.* йигит, бӯзбала

дети́нец *м ист.* арк *(дар Руси Қадим)*

дети́нушка *м обл. и фольк. ласк. к* **дети́на** йигитча

дети́шк||и *мн. уменьш.-ласк. к* **де́ти** бачагон, кӯдакон, хурдтаракон ◇ ~**ам на молочи́шко** *шутл.* чойпулӣ, кисахарҷӣ

де́тище *с* 1. *уст.* бача, кӯдак 2. *перен.* дастранҷ; **люби́мое** ~ дастранҷи бақадр ◇ **мёртворождённое** ~ лоиҳаи ношоям

де́тка *ж обращ. разг.* бачем, писаракам, духтаракам

де́тки *мн. уменьш.-ласк. к* **де́ти** бачаҳо, кӯдакон

детолюби́вый, -ая, -ое (детолюби́в, -а, -о) *книжн.* кӯдакдӯст, фарзанддӯст

детона́тор *м* 1. детонатор *(моддаи тарканда, ки моддаи дигари таркандаро метарконад)* 2. *(запал, капсюль)* детонатор, тарконанда, потусқа

детона́ция *ж* детонация (1. *таркиши ягон моддаи тарканда бо таъсири зарбаи детонатор ё даргирифтани он* 2. *сӯзиши аз ҳад зиёд тези сӯзишворӣ дар цилиндри муҳаррики дарунсӯз)*

детони́рование *с* (*по знач. гл.* **детони́ровать** II) ноҷурӣ, оҳангро ҷур накарда (бо оҳанги ғалат) навохтан(и); ~ **при пе́нии** ноҷӯр сароидан(и)

детони́ровать I *несов.* таркидан

детони́ровать II *несов. муз.* оҳангро ҷӯр накарда хондан, ноҷӯр (ғалат) навохтан

детони́рующий, -ая, -ее тарконанда; ~ **шнур** пилтаи тарконанда

деторо́дный, -ая, -ое *уст. книжн.* таносулӣ, ...и таносул

деторожде́ние *с* бачазоӣ, зоиш

детоуби́йство *с* бачакушӣ, фарзандкушӣ

детоуби́йца *м, ж* бачакуш, фарзандкуш

де́точка *ж обращ. разг. уменьш.-ласк. к* **де́тка**

детплоща́дка *ж* майдончаи бачагон

детса́д *м* боғчаи бачагон

де́тская *ж* хонаи кудакон

де́тск||ий, -ая, -ое 1. бачагона, кӯдакона, ...и бачагон, ...и кудакон; ~**ий труд** меҳнати бачагон; ~**ие и́гры** бозиҳои бачагона; ~**ий городо́к** шаҳрчаи бачагон *(муассисаи тандурустии тарбиявӣ барои бачагон дар боғ, парк ва м. ин)*; ~**ий дом** хонаи бачагон, сағирхона; ~**ая кни́га** китоби бачагона 2. *перен.* бачагона, кудакона; ~**ий по́черк** хати бачагона; ~**ие рассужде́ния** андешаҳои бачагона ◇ ~**ие игру́шки** чизи осон, кори саҳл; ~**ий ле́пет** гапҳои бачагона (соддалавҳона); ~**ое ме́сто** *анат.* ҳамроҳак; ~**ое пита́ние** хӯроки кӯдакони ширмак; ~**ая площа́дка** майдончаи бачагон; ~**ий прию́т** *уст.* сағирхона, ятимхона; ~**ое вре́мя** ҳануз барвақт аст

де́тскость *ж* бачагӣ, кӯдакӣ

де́тств||о *с* бачагӣ, кудакӣ, айёми бачагӣ, овони кудакӣ, туфулият; **счастли́вое** ~**о** кудакии некбахтона; **друг** ~**а** дӯсти айёми бачагӣ ◇ **впасть в** ~**о** бача барин шуда мондан *(аз камоли пирӣ)*

де́тушки *мн. прост. и фольк. ласк. к* **де́ти**

деть *сов. разг.* 1. *что (засунуть, положить)* мондан, гузоштан; гум кардан; **куда́ ты дел кни́гу?** ту китобро куҷо мондӣ? 2. *кого-что (поместить)* ҷо кардан 3. *что (израсходовать, использовать)* сарф (харҷ) кардан ◇ ~ **не́куда** ҷои мондан нест; **не знать, куда́ глаза́** ~ сахт хиҷолат кашидан; **не знать, куда́ ру́ки** ~ даступо хӯрдан, худро гум кардан; **не знать, куда́** ~ **себя́** барои худ коре (шугле) наёфтан

де́ться *сов. разг.* 1. *(исчезнуть, потеряться)* гум шудан; **куда́ он де́лся?** вай куҷо шуд? ‖ *(уйти, скрыться)* рафтан, гурехтан, ҷоге шудан; **он не знал, куда́** ~ **от стыда́** аз шарм замин намекафид, ки дарояд; **от пра́вды никуда́ не де́нешься** аз [гапи] хақ ҷои гурез нест 2. *(найти себе прибежище)* паноҳ бурдан, паноҳгоҳ ёфтан; **куда́ же мы тепе́рь де́немся?** акнун мо куҷо паноҳ мебарем?

де-фа́кто *нареч. юр.* де-факто, дар ҳақиқат, дар амал, ҳақиқатан, амалан

дефека́ция *ж* қазон ҳоҷат

дефе́кт *м* нуқсон, айб, иллат

дефекти́вность *ж* нуқсондорӣ, айбнокӣ, иллатнокӣ

дефекти́вный, -ая, -ое (дефекти́в|ен, -на, -но) нуқсондор, маъюб, айбнок, иллатнок; ~ **ребёнок** кудаки маъюб

дефе́ктность *ж* нуқсондорӣ, айбнокӣ, иллатнокӣ; ~ **дета́лей** нуқсондории деталҳо

дефе́ктн||ый, -ая, -ое ноқис, нуқсондор, айбнок, иллатнок; ~**ый экземпля́р кни́ги** нусхаи ноқиси китоб ◇ ~**ая ве́домость** руйхати каму костҳо *(дар сохтмон)*

дефектоло́гия *ж* дефектология *(илми таълиму тарбияи кудакони иллатдор)*

дефектоско́п *м физ.* дефектоскоп, нуқсбин

дефектоскопи́я *ж физ.* дефектоскопия, нуқсбинӣ

дефензи́ва *ж* дефензива (1. *уст. воен. усули мудофиа* 2. *полиция ва муассисаи он дар Полшаи панӣ)*

дефибре́р *м тех.* чӯбрезакунак

дефиле́ *с нескл. воен.* тангно

дефили́рование *с* (*по знач. гл.* **дефили́ровать**) бо тантана гузаштан(и), бо дабдаба роҳ рафтан(и)

дефили́ровать *несов.* бо тантана гузаштан, бо дабдаба роҳ рафтан *(оид ба қӯшун, намоиш ва ғ.)*

дефини́ция *ж книжн.* тафсир

дефи́с *м* дефис, нимтире

дефици́т *м* 1. *эк.* дефицит, зиёни *(зиёд будани хароҷот нисбат ба даромад)*: **увеличе́ние бюдже́тного** ~**а** афзудани дефицити бюҷет 2. *(нехватка чего-л.)* камчинӣ, камьёбӣ; ~ **в то́пливе** камчинии сузишворӣ

дефици́тность *ж* 1. *эк.* дефицитнокӣ. базиёнӣ 2. камчинӣ, камьёбӣ, танқисӣ

дефици́тн||ый, -ая, -ое (дефици́т|ен, -на, -но) 1. *эк.* ...и дефицит, базиён: ~**ое предприя́тие** корхонаи базиён 2. камчин, камьёб; ~**ый това́р** моли камьёб; ~**ое сырьё** моли хоми камьёб

дефля́ция *ж* дефляция (1. *эк. кам кардани миқдори пули коғаз ба мақсади бардоштани қурби он* 2. *геол. бодлесии ҷинсҳои кӯҳӣ)*

дефолиа́ция *ж с.-х.* барггрезонӣ, дефолиация; ~ **хлопча́тника** барггрезонии пахта

деформа́ция *ж* деформация, шаклдигаркунӣ, тағйири шакл, дигаргуншавии шакл

деформи́рование *с* (*по знач. гл.* **деформи́ровать**) деформация кардан(и). тағйирдиҳии шакл; (*по знач. гл.* **деформи́роваться**) деформация шудан(и). тағйирёбии шакл

деформи́ровать *сов., несов. что* деформация кардан, шакли чизеро тағйир додан (дигар кардан), шакли дигар додан

деформи́роваться 1. *сов., несов.* деформация шудан, шакли дигар ба худ гирифтан, шакл(ан) тағйир ёфтан 2. *несов. страд.* деформация карда шудан. тағйир дода шудан

дехка́нин *м* деҳқон

дехка́нск||ий, -ая, -ое деҳқонӣ, ...и деҳқон; ~**ое хозя́йство** хоҷагии деҳқон (деҳқонӣ)

децентрализа́ция *ж* децентрализация, ғайримарказӣ кардан(и) *(супурда шудани баъзе вазифаҳои ҳукумати марказӣ ба ташкилотҳои маҳаллӣ)* ‖ суст кардани (барҳам додани) марказият

децентрализова́ть *сов., несов. что* децентрализация (ғайримарказӣ) кардан

деци: *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки даҳьяки андозаи асосиро ифода мекунад:* **децигра́мм** дециграмм, даҳьяки грамм; **децили́тр** децилитр, даҳьяки литр

децима́льн||ый, -ая, -ое *(десятичный)* децимӣ, даҳӣ, ...и адади даҳ

децимéтр *м* дециметр, даҳьяки метр

дешеве́||ть *несов.* арзон шудан; **това́ры ~ют** молҳо арзон мешаванд

дешеви́зна *ж* арзонӣ; ~ **проду́ктов** арзонии озуқаворӣ

дешеви́ть *несов. прост.* аз будаш арзонтар ҳисоб кардан

дешёвк||а *ж разг.* 1. *(низкая цена)* баҳои бисьёр арзон; **купи́ть по ~е** бисьёр арзон харидан // *(о дешёвых вещах)* чизи арзон 2. *перен.* чизи камарзиш (ноарзанда); чизи безеб (бемаза)

деше́вле *сравн. ст. к* **дешёвый** 1 *и к* **дёшево** 1; **мой костю́м ~ твоего́** костюми ман аз костюми ту арзонтар аст; **э́та кни́га сто́ит ~** ин китоб арзонтар аст ◇ ~ **па́реной ре́пы** баҳои шалғам

дёшево *нарвч.* 1. арзон; ~ **купи́ть** арзон харидан 2. *перен.* осон, ба осонӣ; ~ **отде́латься** ба осонӣ халос шудан ◇ ~ **и серди́то** камхарҷи болонишин; ~ **сто́ить** аҳамият надоштан; **его́ слова ~ сто́ят** гапаш эътибор надорад

дешёв||ый, -ая, -ое (дёшев, дешева, дёшево) 1. арзон; **~ое изда́ние** нашри арзон; **~ая электроэне́ргия** қувваи арзони электр; **купи́ть по ~ой цене́** арзон (ба нархи арзон) харидан 2. *перен.* хушку холӣ, бемаънӣ, ночиз, беаҳамият; **~ое остроу́мие** аскияи бемаънӣ

дешифра́тор *м тех.* рамзкушо, дешифратор *(дастгоҳи ба тарзи автомати кушодани рамзи ахборот дар компютерҳо, техника, телемеханика ва ғ.)*

дешифри́рование *с см.* **дешифро́вка**

дешифри́ровать *сов., несов. что* рамз кушодан, хати рамзиро хондан; ~ **ру́копись** рамзи дастхатро кушодан; ~ **кли́нопись** хати мехиро хондан

дешифрова́ть *сов., несов. см.* **дешифри́ровать**

дешифро́вка *ж (по знач. гл.* **дешифри́ровать**) рамзкушоӣ, хондани хати рамзӣ

дешифро́вщик *м* рамзкушо, мутахассиси рамзкушоӣ

де-ю́ре *нареч. юр.* де-юре, қонунан, расман

дея́ни||е *с высок.* корнома, корнамоӣ; **~я на́ших пре́дков** корнамоиҳои ниёгони мо

де́ятель *м* ходим, арбоб; **полити́ческий ~** арбоби сиёсӣ; **заслу́женный ~ нау́ки** ходими хизматнишондодаи илм

де́ятельница *женск. к* **де́ятель**

де́ятельность *ж* 1. фаъолият; **обще́ственная ~** фаъолияти ҷамъиятӣ; **нау́чная ~** фаъолияти илмӣ; **педагоги́ческая ~** фаъолияти педагогӣ; **кипу́чая ~** фаъолияти пурҷӯшу хурӯш 2. кор, ҳаракат, амалиёт; ~ **се́рдца** кори дил

де́ятельн||ый, -ая, -ое (де́яте|лен, -льна, -льно) фаъол(она), боғайрат, серҳаракат; **~ая нату́ра** одами серҳаракат (боғайрат); **~ое уча́стие** иштироки фаъолона

де́яться *несов. прост. и обл.* шудан, рӯй додан; **что с ним де́ется?** ба вай чӣ шуд?; **что у вас здесь де́ется?** ин ҷо чиҳо шуда истодааст?

джаз *м* ҷаз (1. *оркестр* 2. *мусиқӣ*)

джа́з-банд *м см.* **джаз** 1

джази́ст *м разг.* мусиқинавози ҷаз, навозандаи оркестри ҷаз

джа́зов||ый, -ая, -ое ҷазӣ, ...и ҷаз; **~ая му́зыка** мусиқии ҷаз

джаз-орке́стр *м см.* **джаз** 1

джайлау *с нескл.* айлоқ, яйлоқ, девлох

джейра́н *м* оҳуи даштӣ, бузи даштӣ

джем *м* ҷем; **фрукто́вый ~** мураббо

джéмпер *м* ҷемпер; **шерстяно́й ~** ҷемпери пашмӣ

джентльме́н *м* 1. ҷентльмен *(дар Англия — касе, ки қоида ва урфу одатҳои ҷамъияти буржуазии аристократиро мунтазам ва ҷиддӣ риоя мекунад)* 2. *(благовоспитанный человек)* одами боадаб, ҷавонмард; **вести́ себя́ как ~** мисли ҷавонмард рафтор кардан

джентльме́нск||ий, -ая, -ое ҷентльменӣ, ...и ҷентльмен, боадабона; **~ий посту́пок** рафтори боадабона ◇ **~ое соглаше́ние** *дип.* созиши шифоҳӣ *(қарордоди байналхалқӣ, ки бе риояи расмият баста мешавад)*

джентльме́нство *с* ҷентльменӣ, боадабӣ, ҷавонмардӣ, мардӣ

джерсе́, джéрси *с нескл.* ҷерсӣ (1. *навъи матои пашмин ё абрешимини бофта* 2. *либоси аз ин матоъ духташуда)*

джи́га *ж* ҷига *(навъи рақс ва оҳанги миллии ирландӣ)*

джиги́т *м* йигит; чобуксавор, чопандоз

джигитова́ть *несов.* чобуксаворӣ (чопандозӣ) кардан

джигитовка *ж* чобуксаворӣ, чопандозӣ

джидда́, джида́ *ж бот.* санҷид, ҷигда

джин I *м* ҷин *(навъи арақи англисӣ)*

джин II *м тех.* ҷин *(мошини пахтатозакунӣ)*

джи́нны *мн.* (*ед.* **джинн** *м*) ҷину аҷина, деву парӣ

джинсо́в||ый, -ая, -ое ҷинс; **~ая ткань** матои ҷинс

джи́нсы *тк. мн.* шими ҷинс

джи́у-джи́тсу *с нескл. уст. спорт.* ҷиу-ҷитсу; *см.* **дзюдо́**

джо́нка *ж* ҷонка *(киштичаи бодбондори боркаш)*

джо́уль *м физ.* ҷоуль *(воҳиди ченаки энергия)*

джугара́ *ж с.-х.* ҷуворӣ

джу́нгли *тк. мн.* ҷангал

джут I *м бот.* ҷут *(гиёҳи лифдори ҷануб, ки аз торҳояш арғамчин ва матои дағал мебофанд)*

джут II *м (падёж скота)* муромурии ҷорво

джу́тов||ый, -ая, -ое ...и ҷут, ҷутӣ; **~ые сте́бли** пояҳои ҷут; **~ый кана́т** арғамчини ҷут

дзинь *межд. звукоподр. разг.* ҷиринг *(садои занг, шикастани чизҳои шишагӣ ва ғ.)*

дзи́ньканье с *(по знач. гл.* **дзи́нькать**) ҷиринг-ҷиринг кардан(и), ҷирингосзанӣ; *(звуки)* ҷиринг-ҷиринг

дзи́нькать *несов. разг.* ҷиринг-ҷиринг кардан, ҷирингос задан

дзи́нькнуть *сов. однокр. к* **дзи́нькать**

дзот *м* (де́рево-земляна́я огнева́я то́чка) *воен.* дзот (истеҳкоми оташфишони чӯбию хокӣ)

дзюдо́ *с нескл. спорт.* дзюдо *(навъи гуштини японӣ)*

дзюдои́ст *м спорт.* дзюдочӣ

диаба́з *м геол.* диабаз *(санги базальтмонанд)*

диаба́зов||ый, -ая, -ое диабазӣ, ...и диабаз; диабазфарш; **~ая мостова́я** роҳи диабазфарш

диабе́т *м мед.* диабет; **са́харный ~** диабети қанд, касалии қанд *(бемориест, ки организм қандро ҳазм карда наметавонад)*

диабе́тик *м разг.* гирифтори (бемори) диабет, мубталои касалии қанд

диагно́з *м мед.* диагноз, ташхиси касалӣ; **поста́вить ~** ташхис кардан

диагно́ст *м* диагност, духтури соҳибташхис

диагно́стика *ж* диагностика, илми ташхис

диагности́ровать *сов., несов. что* ташхис кардан; ~ **боле́знь** касалиро ташхис кардан

диагности́ческ||ий, -ая, -ое диагностӣ, ...и диагностика, ...и диагноз, ташхисӣ, ...и ташхиси бе́морӣ; **~ие ме́тоды** усулҳои диагностика; **~ое отделе́ние кли́ники** шуъбаи диагностикаи клиника

диагоналевый, -ая, -ое *текст.* диагоналӣ, ...и диагональ; ~ **костю́м** костюми диагональ

диагона́л||ь *ж* диагональ (1. *мат.* хати росте, ки дар шаклҳои геометрии сергӯша ду гӯшаи ҳамшафат набударо пайванд мекунад 2. *текст.* навъи матои ғафси рах-рах) ◇ **идти́ (дви́гаться) по ~и** уреб рафтан

диагона́льн||ый, -ая, -ое 1. *мат.* диагоналӣ, ...и диагональ; **~ая пло́скость** сатҳи диагональ 2. уреб; **~ое направле́ние** самти уреб

диагра́мма *ж* диаграмма *(нақшае, ки таносуби ягон афзоиш ё камшавиро нишон медиҳад)*; ~ **ро́ста промы́шленности** диаграммаи афзоиши саноат

диаде́ма *ж* 1. *уст.* дайҳим 2. қоши тилло *(асбоби зинати занҳо)*

диа́кон *м см.* **дья́кон**

диакрити́ческий, -ая, -ое: ~ **знак** *лингв.* ишорати форик *(аломате, ки барои фарқи овозҳои гуногуни бо як ҳарф ифода шаванда аз поён ё аз болои ҳарф монда мешавад, мас. ду нуқта дар болои ҳарфи «ё», ки бе ин нуқтаҳо «е» хонда мешавад)*

диале́кт *м лингв.* лаҳҷа, шева, диалект; **территориа́льные ~ы** лаҳҷаҳои маҳаллӣ // *уст. ирон.* забон

диалекта́льный, -ая, -ое *см.* **диале́ктный**

диалекти́зм *м лингв.* диалектизм *(калима ва ибораи хоси ягон лаҳҷа, ки ба забони адабӣ даромадааст)*

диале́ктик *м* диалектик *(пайрави фалсафаи диалектикӣ)*

диале́ктика *ж филос. в разн. знач.* диалектика; **материалисти́ческая ~** диалектикаи материалистӣ; ~ **исто́рии** диалектикаи таърих; ~ **приро́ды** диалектикаи табиат

диалекти́ческ||ий I, -ая, -ое диалекти-

кӣ, ...и диалектика; **~ий материали́зм** материализми диалектики; **~ий ме́тод** усули диалектики; **~ая филосо́фия** фалсафаи диалектикӣ; **~ое мышле́ние** тафаккури диалектикӣ

диалекти́ческий II, -ая, -ое *уст. см.* **диале́ктный**

диалекти́чный, -ая, -ое (диалекти́ч|ен, -на, -но) диалектикӣ, ...и диалектика

диале́ктн||ый, -ая, -ое *лингв.* лаҳҷавӣ, шевагӣ, ...и лаҳҷа, ...и шева, ...и диалект; **~ое выраже́ние** ибораи лаҳҷавӣ (шевагӣ)

диалекто́лог *м* диалектолог, лаҳҷашинос

диалектологи́ческ||ий, -ая, -ое диалектологӣ, ...и диалектология, ...и лаҳҷашиносӣ; ...и лаҳҷаҳо, ...и шеваҳо; **~ий а́тлас** атласи диалектологӣ (лаҳҷаҳо); **~ие наблюде́ния** мушоҳидаҳои диалектологӣ; **~ая экспеди́ция** экспедицияи диалектологӣ

диалектоло́гия *ж лингв.* диалектология, лаҳҷашиносӣ

диало́г *м* 1. диалог, муколима, гуфтугу, мусоҳиба; **вести́ ~** муколима (мусоҳиба) кардан 2. *лит.* диалог *(асари адабие, ки ба шакли суҳбати ду ё якчанд кас навишта шудааст)* 3. *лит.* диалог, муколима *(қисми асари адабӣ, ки аз баёни суҳбати ду ё якчанд кас иборат аст)*

диалоги́ческий, -ая, -ое диалогӣ, ...и диалог, ...и муколима

диамагнети́зм *м физ.* диамагнетизм *(бар хилофи самти майдони магнитӣ магнитнокшавии модда)*

диамагни́тный, -ая, -ое *физ.* диамагнитӣ

диама́нт *м* 1. *уст.* алмос 2. *полигр.* диамант *(навъи ҳарфи хеле хурди матбаа)*

диама́т *м* (диалектический материали́зм) диамат (материализми диалектикӣ); **сдать зачёт по ~у** аз диамат зачёт додан

диа́метр *м* диаметр, қутр; **~ окру́жности** диаметри доира

диаметра́льно *нареч.:* **~ противополо́жный** тамоман зид (мухолиф)

диаметра́льн||ый, -ая, -ое 1. *мат.* диаметрӣ, ...и диаметр, қутрӣ, ...и қутр 2. *перен.* том; **~ая противополо́жность** мухолифати том

диапазо́н *м* 1. *муз.* диапазон *(фосилаи мобайни овози аз ҳама боло ва аз ҳама пасти ҳофиз, сози мусиқӣ ва ғ.)*; **~ го́лоса** диапазони садо 2. *перен.* ҳаҷми (дараҷаи) дониш, доираи маълумот

диапозити́в *м фото* диапозитив *(сурати фотографӣ, ки такаш шиша ва ё лавҳаи шаффоф мебошад ва онро бо фонусҳои проекционӣ намоиш медиҳанд)*

диапозити́вн||ый, -ая, -ое *фото* диапозитивӣ, ...и диапозитив; **~ые пласти́нки** пластинкаҳои диапозитивӣ

диате́з *м мед.* диатез *(ҳассосияти организм нисбат ба баъзе касалиҳо)*

диатерми́ческий, -ая, -ое *мед.* диатермӣ, ...и диатермия

диатерми́я *ж мед.* диатермия *(бо қувваи электр гарм кардани ҷои иллатноки бадан ба мақсади муолиҷа)*

диато́ника *ж муз.* диатоника *(тартиби иборат аз ҳафт садои асосии мусиқӣ, ки мувофиқи квинтаҳои хомис ҷой мегиранд)*

диатони́ческ||ий, -ая, -ое *муз.* диатонӣ, ...и диатоника; **~ая га́мма** гаммаи диатонӣ

диафра́гма *ж* 1. *анат.* диафрагма, пардаи ҳоҷиз 2. *опт.* диафрагма

диафрагми́ровать *несов. что опт.* диафрагма мондан *(тағйир додани дастаи нурҳои рушноӣ ба воситаи диафрагма)*

див *м миф.* дев

ди́ва *ж уст.* мутрибаи мумтоз

дива́н I *м* диван

дива́н II *м* 1. *уст.* девон *(маҳкамаи давлатӣ)* 2. *лит.* девон; **~ Хафи́за** девони Ҳофиз

дива́н-крова́ть *м* диванкат

дива́нн||ый, -ая, -ое 1. ...и диван; **~ая поду́шка** болиштаки диван 2. *в знач. сущ.* **дива́нная** *ж уст.* хонаи истироҳати дивандор

диверса́нт *м* вайронкор, диверсант *(шахсе, ки диверсия мекунад)*

диверсио́нн||ый, -ая, -ое диверсионӣ, ...и диверсия; **~ые де́йствия** амалиёти диверсионӣ

диве́рсия *ж* диверсия *(1. вайронкории агентҳои хориҷии империалистӣ 2. вайронкорӣ, аз кор баровардани объектҳои ҳарбӣ ва давлатӣ дар ақибгоҳи душман)* ◇ **идеологи́ческая ~** диверсияи идеологӣ *(туҳмату буҳтони бо ғаразӣ пуркинаи муассисаҳои ташвиқоту тарғиботи мамлакатҳои империалистӣ ва пайравони онҳо, ки зидди мамлакатҳои социалистӣ равона шудааст)*

дивертисме́нт *м* дивертисмент *(1. суруду рақсҳои иловагии асарҳои драмавӣ, операҳо ва балетҳои асрҳои 17—19; 2. программаи мухталифжанри иборат аз суруд, мусиқӣ, рақс ва намоиши саҳнача, ки аз асри 17 сар карда дар театрҳои драмавӣ пас аз анҷоми пьесаи асосӣ намоиш дода мешуд 3. асари мураккаби мусиқии сюитамонанд, ки дар асри 19 ба попурри, яъне асари сабуки мусиқӣ шабоҳат дошт, дар асри 20 сюитае, ки аз чанд порчаҳои мусиқии балет тартиб ёфтааст)*

диви́де́нд *м эк.* ҳаққи саҳм, дивиденд *(фоидаи саҳмдорон, ки мувофиқи сармояи худ аз ширкат мегиранд)*

диви́де́ндный, -ая, -ое *эк.* ...и ҳаққи саҳм, дивидендӣ, ...и дивиденд

дивизио́н *м воен.* дивизион; **зени́тный ~** дивизиони зенитӣ; **~ миноно́сцев** дивизиони киштиҳои минаандоз

дивизио́нн||ый, -ая, -ое *воен.* дивизионӣ, ...и дивизион; дивизиягӣ, ...и дивизия; **~ая артилле́рия** артиллерияи дивизия

диви́зия *ж воен.* дивизия *(қисми ҳарбӣ, ки аз якчанд полк ё бригада иборат аст)*; **бронета́нковая ~** дивизияи зиреҳпӯш

диви́ть *несов. кого-что разг.* ба ҳайрат андохтан, ҳайрон кардан

диви́ться *несов.* ба ҳайрат омадан, тааҷҷуб кардан, мутаҳайир шудан, ҳайрон мондан; **~ чьи́м-л. успе́хам** аз муваффақиятҳои касе ба ҳайрат омадан

ди́вно *нареч.* аҷаб, хеле, бағоят; **она́ ~ хороша́** у аҷаб хушруй аст

ди́вный, -ая, -ое (ди́в|ен, -на, -но) 1. *уст.* аҷоиб, аҷиб 2. ҳайратангез, мафтункунанда; **~ го́лос** овози ҳайратангез

ди́в||о *с* 1. *(чудо)* аҷоибот, аъҷуба; **такого ~а я никогда́ не видал** ман ҳеч вақт чунин аҷоиботро надидаам; **~о ди́вное** *фольк.* аҷибу ғариб, муъҷиза 2. *в знач. сказ.* аҷаб аст; **не ~о, е́сли он не придёт** агар вай наояд, аҷобат надорад ◇ **на ~о** бисёр нағз, аъло; **что за ~о!** аҷаб!, аҷабо!; **~у да́ться** дар ҳайрат афтодан, ангушти ҳайрат газидан

дивчи́на *ж прост. и обл. см.* **де́вушка**

диге́сты *мн. см.* **панде́кты**

дидакти́зм *м книжн.* дидактизм, насиҳатомез (пандомез) будан(и)

дида́ктик *м* мутахассиси дидактика

дида́ктика *ж* 1. дидактика *(соҳаи педагогика, ки аз шакл ва усули таълим баҳс мекунад)* 2. *см.* **дидакти́зм**

дидакти́ческ||ий, -ая, -ое 1. дидактикӣ, ...и дидактика; **~ие при́нципы** принципҳои дидактикӣ 2. *книжн.* насиҳатомез, пандомез; **~ий тон** оҳанги насиҳатомез // *лит.* дидактикӣ; **~ая литерату́ра** адабиёти дидактикӣ

дие́з *м муз.* диез *(аломати нота, ки ним парда баланд шудани овозро мефаҳмонад)*; **фа ~** фа диез

диет= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «парҳезӣ»*: **диетпита́ние** хуроки парҳезӣ; **диетстоло́вая** ошхонаи [хурокҳои] парҳезӣ

дие́т||а *ж* парҳез; **соблюда́ть ~у** парҳезро нигаҳ доштан; **сесть на ~у** парҳез кардан

диете́тика *ж* диететика *(илм дар бораи дуруст хурок хурдани одам)*

диетети́ческий, -ая, -ое ...и диететика

диети́ческ||ий, -ая, -ое парҳезӣ, ...и парҳез; **~ие проду́кты** хуроквории парҳезӣ; **~ая столо́вая** ошхонаи [хурокҳои] парҳезӣ; **~ий магази́н** магазини хуроквории парҳезӣ

диетоло́гия *ж* диетология, илми парҳез

диз= *приставка як шакли префикси «дис», ки пеш аз овозҳои садонок меояд:* **диза́жио** дизажио; *см.* **дис=**

диза́жио *с нескл. эк.* дизажио *(дар мамлакатҳои капиталистӣ аз қурби аслии худ арзонтар шудани арзиши пулу коғазҳои қиматбаҳо)*

диза́йн *м* дизайн, зебосозӣ *(сохтусоз аз рӯи қонуну қоидаҳои эстетикӣ, ба тарзи эстетикӣ сохтан ва оро додани асбобу муҳити кор)*

дизайнер *м* дизайнгар, зебосоз

дизайнерский, -ая, -ое ...и зебосозӣ, дизайнерӣ

дизелестроение *с* дизельсозӣ

дизель *м* дизель (*муҳаррики дарунсӯз*)

дизель- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дизелӣ», «дизельдор»*: **дизель-мотор** мотори дизель; **дизель-электростанция** станцияи электрикии дизелӣ

дизельный, -ая, -ое дизелӣ, ...и дизель, дизельдор; ~ **поезд** поезди дизелӣ; ~ **трактор** трактори дизелӣ

дизентерийн||ый, -ая, -ое *мед.* дизентерӣ, ...и дизентерия, ...и исҳоли хунин; ~**ые палочки** микробҳои дизентерия

дизентерия *ж мед.* дизентерия, исҳоли хунин

дизурия *ж мед.* дизурия, мезакинӣ

дикарка *женск. к* **дикарь**

дикарский, -ая, -ое **ваҳшӣ**, ...и одами ваҳшӣ

дикарство *с* (*застенчивость, нелюдимость*) сурӣ, шармгинӣ, одамгурезӣ

дикарь *м* 1. одами ваҳшӣ (ёбоӣ) 2. *перен. разг.* одами сур (бисьёр шармгин), одамгурез

дик||ий, -ая, -ое (дик, -а, -о) 1. ваҳшӣ, ёбоӣ; ~**ий зверь** ҳайвони ваҳшӣ; ~**ая коза** бузи ёбоӣ // (*о растениях*) даштӣ, ёбоӣ, худруӣ; ~**ий виноград** ангури ёбоӣ 2. (*безлюдный*) бекас, нообод; ~**ая местность** ҷои нообод // (*пустынный*) бедолу дарахт, хушку холӣ, бадвоҳима; ~**ие скалы** харсангҳои бадвоҳима 3. (*необузданный*) ваҳшиёна, дағал(она); пурзур; ~**ие нравы** одатҳои ваҳшиёна; ~**ие страсти** майлу рағбати пурзур 4. (*невероятный*) сахт, бениҳоят; ~**ая злоба** кинаи сахт; ~**ий ужас** ваҳшат; **прийти в** ~**ий восторг** бениҳоят ба завқ омадан 5. (*нелепый*) бемаънӣ, ночаспон, ғайритабиӣ, аҷиб; ~**ий поступок** кирдори бемаънӣ; ~**ие мысли** фикрҳои ғариб 6. (*застенчивый, нелюдимый*) сур, шармгин, одамгурез; ~**ий ребёнок** бачаи сур ◊ ~**ое мясо** гушти нав (*дар гуштпуркунии ҷароҳат*); ~**ий камень** санги тира

дико *нареч.* 1. ба таври ёбоӣ (худруӣ); ~ **расти** худ ба худ руидан 2. (*пустынно*) нообод, бедолу дарахт 3. сахт, бағоят, бениҳоят; ~ **ненавидеть** сахт бад дидан 4. (*неестественно*) ваҳшиёна; ~ **кричать** ваҳшиёна дод задан 5. (*испуганно*) ҳаросон; ~ **поглядывать на кого-л.** ба касе ҳаросон нигаристан

дикобраз *м зоол.* ҷайра, дугпушт

диковин||а, **диковинк||а** *ж разг.* чизи аҷиб, аҷобат; **что за** ~**а?** ин чӣ аҷобат?

диковинн||ый, -ая, -ое *разг.* аҷиб, аҷибу ғариб, ҳайратангез, ғайриоддӣ, ғалатӣ; ~**ые рыбы** моҳиҳои ғалатӣ; ~**ые истории** ҳодисаҳои аҷиб

дикорастущ||ий, -ая, -ее худруӣ, ёбоӣ; ~**ие деревья** дарахтҳои ёбоӣ

дикость *ж* 1. (*первобытное состояние*) ваҳшоният, ваҳшигарӣ // (*некультурность*) бемаданиятӣ, ҷаҳолат 2. (*безлюдье*) бекаси, ноободӣ // (*пустынность*) бедолу дарахт (хушку холӣ) будан(и) 3. (*необузданность*) худсарӣ, бенухтагӣ 4. (*нелепость*) беҳудагӣ, бемазагӣ; **это совершенная** ~ ин ғояти бемазагӣ аст 5. (*застенчивость, нелюдимость*) сурӣ, шармгинӣ, одамгурезӣ

диктант *м* диктант, имло; **писать** ~ диктант навиштан

диктат *м полит.* диктат, ҳукмфармоӣ

диктатор *м* 1. ҳукмфармо 2. *ист.* диктатор (*дар Рими Қадим — шахсе, ки дар мавриди ба давлат таҳдид кардани хатари хориҷӣ ё дохилӣ ба ваӣ аз тарафи сенат ҳуқуқи ҳукмронии номаҳдуд дода мешуд*)

диктаторск||ий, -ая, -ое 1. *полит.* ...и мутааддӣ; ~**ая власть** ҳокимияти мутааддӣ 2. (*властный*) омирона, ҳокимона; ~**ий тон** оҳанги омирона

диктаторство *с* 1. *полит.* диктаторӣ, диктатор будан(и) 2. *разг.* фармонфармоӣ, ҳукмравоӣ

диктаторствовать *несов.* 1. *полит.* диктаторӣ кардан 2. *разг.* фармонфармоӣ (ҳукмравоӣ) кардан

диктатура *ж* диктатура; ~ **пролетариата** диктатураи пролетариат; **военная** ~ диктатураи ҳарбӣ

диктовать *несов. что* 1. дикта кардан; ~ **письмо машинистке** хатро ба мошинистка дикта кардан 2. илқо кардан, амр кардан; ~ **свои условия** шартҳои худро илқо кардан

диктовк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **диктовать**) дикта кардан(и) 2. *разг.* диктовка ◊ **под чью-л.** ~**у** бо амри касе, бо таъсири касе

диктор *м* диктор (*шахсе, ки дар пеши микрофон матни материалҳои радио ва телевизионро мехонад*)

дикторск||ий, -ая, -ое дикторӣ, ...и диктор; ~**ие даные** қобилияти дикторӣ

дикторша *разг. женск. к* **диктор**

диктофон *м* диктофон (*аппарати сабти нутқ*)

дикция *ж* дикция (*тарзи талаффуз, тарзи баён*); **у него хорошая** ~ у дикцияи хуб дорад

дилемма *ж* 1. *лог.* дилемма (*муҳокима ё хулосае, ки аз ду фикри ба ҳам зид иборат буда, яке аз онҳоро интихоб кардан лозим аст*) 2. ҳолати мушкил, масъалаи душвор, дар сари ду роҳ мондан(и); **перед ним встала** ~: **идти учиться или работать** дар пеши у масъалаи мушкиле менстод, ки ба хондан равад ё кор кунад

дилетант *м* ҳаваскор

дилетантизм *м* ҳаваскорӣ

дилетантка *женск. к* **дилетант**

дилетантск||ий, -ая, -ое ҳаваскорӣ; руякӣ, сатҳӣ; ~**ие познания** дониши сатҳӣ

дилетантство *с см.* **дилетантизм**

дилижанс *м уст.* дилижанс (*фойтуни калони болопушида*)

дилогия *ж лит.* дилогия (*ду роман ва ё ду асари драмавӣ, ки ғояи асосиаш як аст*)

дина *ж физ.* дина (*воҳиди андозаи қувва дар механика*)

динамизм *м см.* **динамика** 3

динамик *м* динамик

динамик||а *ж* 1. *физ.* динамика (*соҳаи механика, ки қонуни ҳаракати ҷисмҳоро меомузад*) 2. ҷараёни инкишоф; ~**а общественного развития** ҷараёни инкишофи ҷамъият 3. *перен.* амалиёт, серҳаракатӣ, серамалӣ; **в пьесе много** ~**и** дар пьеса амалиёт бисьёр аст

динамит *м* динамит (*моддаи тарканда*)

динамитный, -ая, -ое динамитӣ, ...и динамит; ~ **снаряд** снаряди динамити

динамическ||ий, -ая, -ое 1. динамикӣ, ...и динамика 2. *перен.* серҳаракат, серамал; ~**ая музыка** мусиқии руҳафзо

динамичность *ж* серҳаракатӣ, серамалӣ, серҳаракат (серамалиёт) будан(и); ~ **пьесы** серамалиёт будани пьеса

динамичный, -ая, -ое (динамич|ен, -на, -но) *см.* **динамический** 2

динамо *с* динамо; *см.* **динамо-машина**

динамограф *м* динамограф (*асбоби қайди қувва*)

динамо-машина *ж уст.* мошини динамо (*номи пештараи генератори ҷараёни электрикии доимӣ*)

динамометр *м* қуввасанҷ, динамометр (*асбоби ченаки қувваи механикӣ*)

динар *м* динор (1. *пули нуқраву тиллои Рими Қадим* 2. *воҳиди пулии Эрон, Ироқ, Югославия* 3. *пули тиллои баъзе мамлакатҳои Шарқи Қадим*)

динарий *м см.* **динар** 1

динас *м тех.* динас, бутахишт

династический, -ая, -ое ...и сулола

династия *ж* сулола; ~ **Романовых** сулолаи Романовҳо; ~ **Саманидов** оли Сомон, хонадони Сомониён

динго *м нескл.* динго (*саги ваҳшии Австралия*)

динозавр *м палеонт.* динозавр (*ҷонвари ҷуссакалони сусмормонанди давраи мезозой*)

диод *м радио* диод (*лампаи электронии дуэлектродӣ*)

диоптр *м* диоптр (1. *геод.* афзоли самтнишондиҳандаи зовиясанҷ 2. *асбоби махсуси милтиқ барои аниқтар нишонгирӣ*)

диоптрика *ж опт.* диоптрика (*илм дар бораи инкисори нур ҳангоми гузаштани он аз мағзи линзаҳои гуногун*)

диоптрический, -ая, -ое *опт.* диоптрӣ, ...и диоптрия; ~ **телескоп** телескопи диоптрӣ

диоптрия *ж опт.* диоптрия (*воҳиди ченаки қувваи оптикии линзаҳо*)

диорама *ж* диорама (1. *сурати дарозу калони нимдоира, ки дар алоқамандӣ бо мавзуи он дар пешаш муҷассамаҳои ашьёи гуногун гузошта мешавад* 2. *биное, ки дар он диорама намоиш дода мешавад*)

диори́т *м геол.* диорит (*як навъ санг*)

диори́товый, -ая, -ое *геол.* диоритӣ, ...и диорит

дипкурье́р *м* (дипломатический курьер) қосиди дипломатӣ

дипло́м *м* 1. диплом; ~ **с отличием** диплома аъло 2. *разг.* кори дипломӣ; **тéма** ~**а** мавзуи кори дипломӣ 3. (*награда*) диплом; ~ **сельскохозяйственной вы́ставки** диплома намоишгоҳи хоҷагии қишлоқ; **почётный** ~ дипломи фахрӣ

диплома́нт *м* дипломант (*соҳиби дипломи ягон конкурс*)

диплома́нтка *женск.* к **диплома́нт**

диплома́т *м* 1. дипломат 2. *перен. разг.* одами (пухта, зирак) ҳушёр; **он большо́й** ~ вай одами хеле пухта аст

диплома́тика *ж* дипломатика (*соҳаи илми таърих, ки ҳуҷҷатҳои таърихиро тадқиқ мекунад*)

дипломати́ческ||ий, -ая, -ое 1. дипломати, ...и дипломатия; ...и дипломат; ~**ий ко́рпус** корпуси дипломатӣ (*ҳайати олии ҳамаи сафоратхонаҳо дар ягон мамлакат*); ~**ий курье́р** *см.* **дипкурье́р**; ~**ая но́та** нотаи дипломатӣ; ~**ое представи́тельство** намояндагии дипломатӣ; ~**ие отноше́ния** робитаҳои дипломатӣ 2. *перен. см.* **дипломати́чный**

дипломати́чность *ж* пухтакорӣ, зиракӣ, ҳушёрӣ; ~ **отве́та** пухта будани ҷавоб

дипломати́чный, -ая, -ое (дипломати́ч|ен, -на, -но) пухтакорона, зиракона, ҳушёрона; ~ **отве́т** ҷавоби зиракона

диплома́ти||я *ж* 1. дипломатия (*фаъолияти давлат дар соҳаи сиёсати байналхалқӣ*) 2. *перен. разг.* найрангбозӣ, ботадбирӣ, устокорӣ; **пуска́ть в ход** ~**ю** найрангбозӣ кардан; **бро́сьте ва́шу** ~**ю, говори́те пря́мо** найрангбозиатонро монеду кушоду равшан гап занед

диплома́тка *женск.* к **диплома́т** 2

дипломи́рованный, -ая, -ое дипломдор, соҳибдиплом; ~ **врач** духтури соҳибдиплом

дипло́мник *м* дипломнавис (*тамомкунандаи мактаби олӣ, ки бо кори дипломӣ машғул бошад*)

дипло́мница *женск.* к **дипло́мник**

дипло́мн||ый, -ая, -ое дипломӣ, ...и диплом; ~**ая рабо́та** кори дипломӣ

директи́в||а *ж* директива, дастур; ~**ы съе́зда КПСС** директиваҳои съезди КПСС

директи́вн||ый, -ая, -ое (директи́в|ен, -на, -но) директивӣ, ...и директива; ~**ые указа́ния** нишондодҳои директивӣ

дире́ктор *м* директор, мудир; ~ **предприя́тия** директори муассиса; ~ **шко́лы** директори мактаб

директо́рия *ж ист.* директория (*номи баъзе ҳукуматҳо, мас. дар Франсияи давраи революцияи буржуазии солҳои 1795—1799*)

дире́кторский, -ая, -ое директорӣ, ...и директор, мудирӣ, ...и мудир; ~ **кабине́т** кабинети директор; ~ **фонд** фонди директор

дире́кторств||о *с разг.* директорӣ, мудирӣ; **во времена́ своего́** ~**а** дар вақти директориаш худ

дире́кторств||овать *несов. разг.* директорӣ (мудирӣ) кардан; **он** ~**ует два года** у ду сол боз директорӣ мекунад

директри́са I *ж* 1. *ист.* директриса (*мудираи мактаби занона дар Россияи тореволюционӣ*) 2. *прост.* (*директор школы*) директори мактаб (*оид ба зан*)

директри́са II *ж* директриса (1. *мат. хати ростест, ки нисбати фосилаи ҳар як нуқтаи каҷхатаи он бузургии доимӣ мебошад* 2. *воен. меҳвари минтақаи тирзании туп*)

дире́кция *ж* дирекция, мудирият, ҳайати мудира; ~ **театра** дирекцияи театр // дирекция, идора (*бино*)

дирижа́бельный, -ая, -ое дирижаблӣ, ...и дирижабль

дирижаблестрое́ние *с* дирижаблсозӣ

дирижаблестро́ительный, -ая, -ое ...и дирижаблсозӣ; ~ **заво́д** заводи дирижаблсозӣ

дирижа́бль *м* дирижабль (*аппарати сабуки ҳавопаймои пургаз*)

дирижёр *м* дирижёр; ~ **орке́стра** дирижёри оркестр

дирижёрск||ий, -ая, -ое дирижёрӣ, ...и дирижёр; ~**ая па́лочка** чубдасти дирижёрӣ

дирижёрство *с разг.* 1. дирижёрӣ, кори дирижёрӣ 2. *см.* **дирижи́рование**

дирижи́рование *с* (*по знач. гл.* **дирижи́ровать**) дирижёрӣ кардан(и), дирижёрӣ

дирижи́ровать *несов. чем и без. доп.* дирижёрӣ кардан; роҳбарӣ кардан; ~ **орке́стром** ба оркестр дирижёрӣ кардан; ~ **хо́ром** ба дастаи хор дирижёрӣ кардан

дирха́м, дирхе́м *м* дирам (1. *танга, пули нуқра* 2. *воҳиди пул дар баъзе мамлакатҳои Шарк* 3. *воҳиди вазн — баробари 3,12 г*)

дис: *приставка префиксе, ки пеш аз овозҳои ҳамсадои беҷаранг омада вайроншавӣ, нобудшавӣ, нестшавии чизеро мефаҳмонад:* **дисгармо́ния** носозгорӣ

дисгармони́ровать *несов.* 1. *муз.* носозгор будан, ҳамоҳанг набудан 2. *перен.* созгор набудан, мувофиқат надоштаи, мос наомадан

дисгармони́ческий, -ая, -ое *см.* **дисгармони́чный** 1

дисгармони́чн||ый, -ая, -ое (дисгармони́ч|ен, -на, -но) 1. *муз.* ноҷур, носоз; ~**ая му́зыка** мусиқии носоз 2. *перен.* мувофиқатнадошта, номувофиқ; ~**ое сочета́ние цвето́в** рангҳои номувофиқ

дисгармо́ния *ж* 1. *муз.* носозгорӣ, ноҷӯрӣ 2. *перен.* номувофиқатӣ, носозӣ

диск *м* 1. лаъличa; ~ **ма́ятника** лаъличаи раққосак 2. *спорт.* диск (*ҷиҳози варзиш, ки худ лаъличашакли чубин буда зеҳи оҳанин дорад*); **мета́ние** ~**а** дискпартоӣ 3. *тех.* чарх (*ягон мошин*); ~ **пилы** чархи арра 4. *воен.* тирдони гирда; **заряжа́ть** ~**и** тирдони гирдаро бо тир пур кардан · ~ **луны́** курси моҳ

диска́нт *м муз.* дискант (1. *овози баланди бачагона* 2. *бачае, ки овози баланд дорад*)

дисканто́вый, -ая, -ое *муз.* дискантӣ, ...и дискант

дисквалифика́ция *ж спорт.* маҳрум (хориҷ) кардан(и)

дисквалифици́ровать *сов., несов. кого-что спорт.* маҳрум (хориҷ) кардан

дисквалифици́роваться *спорт.* 1. *сов., несов.* маҳрум (хориҷ) 2. *несов. страд.* маҳрум (хориҷ) карда шудан

дискобо́л *м спорт.* дискандоз

дискобо́лка *женск.* к **дискобо́л**

дискова́ние *с* (*по знач. гл.* **дискова́ть**) чархмола кардан(и)

дискова́ть *несов. что с.-х.* чархмола кардан

ди́сков||ый, -ая, -ое 1. чархмонанд, мудаввар, доирашакл; ~**ая пила́** чархарра 2. чархӣ; ~**ый культива́тор** культиватори чархӣ

диско́нт *м фин.* дисконт (1. *қайду ҳисоби вексель* 2. *фоизе, ки дар вақти қайди вексель нигоҳ дошта мешавад*)

дисконтёр *м фин.* дисконтёр (*шахс ё идорае, ки ба вексель пул медиҳад*)

дисконти́рование *с* (*по знач. гл.* **дисконти́ровать**) дисконт кардан(и)

дисконти́ровать *сов., несов. фин.* дисконт кардан

диско́нтн||ый, -ая, -ое *фин.* дисконтӣ, ...и дисконт; ~**ая опера́ция** муомилаи дисконтӣ; ~**ый проце́нт** фоизи дисконт

дискоте́ка *ж* дискотека (1. *махзани қартаҳо* 2. *маҳфили ҷавонони мусиқидӯст*)

дискредита́ция *ж* беэътиборкунӣ, обрурезонӣ, бадномкунӣ

дискредити́рование *с см.* **дискредита́ция**

дискредити́ровать *сов., несов. кого-что* беэътибор (беобрӯ, бадном) кардан, обрӯи касеро резондан; ~ **чьё-л. мне́ние** ақидаи касеро беэътибор кардан

дискредити́роваться *несов. страд.* беэътибор (беобрӯ, бадном) карда шудан

дискре́тность *ж* фосиладорӣ, номуттасилӣ

дискре́тный, -ая, -ое фосиладор, номуттасил

дискримина́ция *ж* дискриминация, маҳдудкунии (поймолкунии) ҳуқуқ; **расовая** ~ дискриминацияи нажод

дискримини́ровать *сов., несов. кого-что* дискриминация кардан, ҳуқуқи касеро поймол кардан

дискримини́роваться *несов. страд.* дискриминация карда шудан

дискурси́вный, -ая, -ое *филос.* ақлӣ; ~ **мето́д** методи ақлӣ

дискуссио́нн||ый, -ая, -ое мубоҳисавӣ, ...и мубоҳиса, мунозиравӣ, ...и мунозира; **в ~ом поря́дке** ба тарқии мубоҳиса; **~ая статья́** мақолаи мубоҳисавӣ; **~ый вопро́с** масъалаи мубоҳисавӣ (баҳсталаб)

диску́сси||я *ж* мубоҳиса, мунозира, баҳс; **вступи́ть в ~ю** ба мубоҳиса иштирок кардан, баҳс кардан

дискути́ровать *сов., несов. что, о чём* мубоҳиса (мунозира, баҳс) кардан; **~ о литерату́ре** дар бораи адабиёт мубоҳиса кардан

дислокацио́нн||ый, -ая, -ое 1. *воен.* ҷойгиршавӣ; **~ая ка́рта** харитаи ҷойгиршавӣ 2. *геол.* беҷошавӣ

дислока́ция *ж* 1. *воен.* ҷойгиршавӣ; **~ войск** ҷойгиршавии қушунҳо 2. *геол.* беҷошавӣ

дислоци́ровать *сов., несов. кого-что воен.* ҷо ба ҷо (ҷойгир) кардан

дислоци́роваться 1. *сов., несов. воен.* ҷо ба ҷо (ҷойгир) шудан 2. *сов., несов. геол.* беҷо шудан 3. *несов. страд.* ҷойгир карда шудан

диспансе́р *м* диспансер (*муассисаи тиббӣ барои табобат ва пешгирии бемориҳо бо роҳи назорати доимӣ*); **туберкулёзный ~** диспансери бемории сил

диспансериза́ция *ж* диспансеризация (*1. ба диспансер ҷойгир кардан(и) 2. системаи ҷорабиниҳои нигоҳдории тандурустӣ*)

диспансе́рн||ый, -ая, -ое диспансерӣ, ...и диспансер; **~ое наблюде́ние** назорати диспансерӣ

диспепси́ческий, -ая, -ое *мед.* диспепсӣ, ...и диспепсия

диспепси́я *ж мед.* диспепсия (*вайроншавии кори меъдаю руда*)

дисперсио́нн||ый, -ая, -ое *физ.* дисперсӣ, ...и дисперсия; **~ые при́змы** призмаҳои дисперсӣ; **~ый ана́лиз** таҳлили дисперсӣ; **~ая среда́** муҳити дисперсӣ

диспе́рсия *ж* 1. *физ.* дисперсия, парокандашавӣ, парешоншавӣ; **~ све́та** парокандашавии шуоъ 2. *мат.* дисперсия (*миқьёси пароканиш ва аз андозаи миёна дуршавӣ*)

диспе́рсность *ж физ.* дисперсият, андозаи майда (пароканда) шудани модда

диспе́рсн||ый, -ая, -ое *физ.* дисперсӣ, пароканда, парешон; **~ая систе́ма** системаи дисперсӣ

диспе́тчер *м* диспетчер (*корманде, ки ҳаракати нақлиёт ё рафти кори муассисаеро ба тартиб меандозад*); **станцио́нный ~** диспетчери истгоҳ; **~ автоба́зы** диспетчери автобаза

диспе́тчерск||ий, -ая, -ое 1. диспетчерӣ, ...и диспетчер; **~ая бу́дка** хоначаи диспетчер; **~ий гра́фик** ҷадвали диспетчер; **~ая слу́жба** умури диспетчерӣ 2. *в знач. сущ.* **диспе́тчерская** *ж* диспетчерхона

диспози́ция *ж воен.* 1. диспозиция (*плани ҷобаҷогузории лашкар ё флот барои ҷанг ё дар қароргоҳашон*); **~ сраже́ния** диспозицияи муҳориба 2. *уст.* диспозиция (*фармони хаттӣ ба қушунҳо дар шароити ҷанг*)

диспропорциона́льность *ж* номутаносиб будан(и), номутаносибӣ

диспропорциона́льный, -ая, -ое (диспропорциона|лен, -льна, -льно) номутаносиб, бетаносуб

диспропо́рция *ж* номутаносибӣ, бетаносубӣ, набудани (надоштани) таносуб

ди́спут *м* 1. мубоҳиса, мунозира, баҳс; **литерату́рный ~** мубоҳисаи адабӣ 2. *уст.* (*публичная защита диссертации*) ҳимоя, диспут (*ҳимояи диссертация дар маҷлиси кушода*)

диспути́ровать *сов., несов.* мубоҳиса (мунозира, баҳс) кардан

диссерта́нт *м* диссертант, диссертациянавис

диссерта́нтка *женск. к* **диссерта́нт**

диссертацио́нн||ый, -ая, -ое диссертационӣ, ...и диссертация; **~ая те́ма** мавзуи диссертация

диссерта́ци||я *ж* диссертация; **до́кторская ~я** диссертацияи докторӣ; **защити́ть ~ю** диссертация ҳимоя кардан

диссиде́нт *м* муртад

диссиде́нтский, -ая, -ое муртадӣ, ...и муртад

диссимиляти́вный, -ая, -ое диссимилятивӣ, ...и диссимиляция; **~ проце́сс** процесси диссимиляция

диссимиля́ция *ж* диссимиляция (*1. ҷудошавӣ, тафриқа 2. биол. дар процесси фаъолияти организм вайрон шудани моддаҳои органики 3. лингв. тағьири яке аз ду овози яххела ё ба ҳам наздик дар калима, мас. паргал ба ҷои паргор*)

диссона́нс *м* 1. *муз.* диссонанс, ноҷурии оҳанг 2. *перен.* носозӣ, номувофиқатӣ

диссони́ровать *несов. муз.* ноҷур баромадан, аз нота баромадан

диссони́рующий, -ая, -ее *муз.* ноҷур; **~ звук** овози ноҷур

диссоциа́ция *ж физ. хим.* диссоциация (*аз ҳам ҷудошавии молекулаҳо*)

дистанцио́нн||ый, -ая, -ое масофагӣ, дистанционӣ, ...и масофа, ... фосила, ...и дистанция; **~ое управле́ние самолётом** аз дур идора кардани самолёт; **~ая тру́бка** найчаи дистанционӣ (*механизме, ки тири тупро дар нуқтаи муайяни роҳи парвозаш метарконад*)

диста́нци||я *ж* 1. масофа, фосила, дистанция; **бег на большу́ю ~ю** давидан ба масофаи дур; **сохраня́ть ~ю** дистанцияро риоя кардан 2. дистанция, як қитъаи роҳ; **нача́льник ~и** сардори дистанция ◇ **сойти́ с ~и** *спорт.* аз мусобиқа баромадан (*мас. дар давидан, пойга*)

дистилли́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* соф (муқаттар) кардашуда 2. *прил.* соф, муқаттар; **~ая вода́** оби соф (муқаттар)

дистиллирова́ть *сов., несов. что* соф (муқаттар) кардан; **~ во́ду** обро соф (тақтир) кардан

дистиллирова́ться *несов. страд.* соф (муқаттар) карда шудан

дистилля́т *м* дистиллят, моеи муқаттар (соф кардашуда); **бензи́н, кероси́н — ~ы не́фти** бензин, карасин дистилляти нафт мебошанд

дистилля́тор *м* анбиқ

дистилляцио́нный, -ая, -ое ...и софкорӣ

дистилля́ция *ж* соф (тақтир) кардан(и), софкорӣ

дистри́кт *м* дистрикт (*округи интихоботӣ, маъмурӣ ва ғ. дар баъзе мамлакатҳо*)

дистро́фик *м разг.* бемори дистрофия

дистрофи́ческий, -ая, -ое дистрофӣ, ...и дистрофия

дистрофи́я *ж мед.* дистрофия (*вайрон шудани кори ғизогирии бофтаҳо ва узвҳои бадан*); **~ се́рдца** дистрофияи дил

дисципли́н||а I *ж* 1. интизом, тартиб; **во́инская ~а** интизоми ҳарбӣ; **трудова́я ~а** интизоми меҳнат; **желе́зная ~а** интизоми сахт; **соблюда́ть ~у** ба интизом риоя кардан; **наруша́ть ~у** интизомро вайрон кардан 2. ботамкинӣ, ботартибӣ, басомонӣ; **вну́тренняя ~а** басомонӣ

дисципли́н||а II *ж* фан, илм; **гуманита́рные ~ы** фанҳои гуманитарӣ

дисциплина́рный, -ая, -ое интизомӣ, ...и интизом; **~ уста́в** устави интизом, низомнома ◇ **~ батальо́н** *ист.* батальони ҷазодидагон (*қисми армияи подшоҳӣ, ки аз солдатҳои маҳкумкардаи суди ҳарбӣ иборат буд*)

дисциплини́рованность *ж* боинтизомӣ, интизомнокӣ, ботартибӣ, басомонӣ; **отлича́ться ~ю** хеле боинтизом будан

дисциплини́рованный, -ая, -ое боинтизом, интизомнок, ботартиб, басомон; **~ учени́к** талабаи боинтизом

дисциплини́ровать *сов., несов. кого-что* боинтизом (интизомнок) кардан, интизом (тартиб) ёд додан

дисциплини́роваться 1. *сов., несов.* боинтизом (ботартиб) шудан 2. *несов. страд.* боинтизом (интизомнок) карда шудан

дитё *с обл. и прост. см.* **дитя́** 1

дитя́ *с* 1. бача, кӯдак, тифл, фарзанд; **у семи́ ня́нек ~ без гла́зу** *посл.* ≈ кайвонӣ нуҳ шуд, завола гум шуд 2. *обращ. ласк.* бачем, бачаякам; **~ моё** бачем 3. (*сын или дочь*) фарзанд; **родно́е ~** ҷигарбанд, ҷигарпора 4. фарзанд, зода; **~ ве́ка** фарзанди замон; **~ свобо́ды** зодаи озодӣ; **~ у́лицы** бепарастор; **~ приро́ды** *уст. и шутл.* зодаи табиат, фарзанди саҳро, саҳроӣ

ди́тятко *с прост. ласк. к* **дитя́** 1, 2 бачаҳак, бачек

дифира́мб *м* 1. *ист.* мадҳия; ситоиш, наът 2. *лит.* мадҳия, қасида 3. *перен.* ҳамду сано, мадеҳа; **петь ~ы** *кому-чему* ҳамду сано хондан, мадеҳа гуфтан

дифирамби́ческ||ий, -ая, -ое ...и наът; ...и мадҳия; **~ие стихи́** мадҳия

дифосге́н *м хим.* дифосген (*моддаи заҳрноки буғикунанда*)

дифра́кция *ж физ.* дифракция *(аз монеаҳои сари роҳ тоб хурда гузаштани мавҷҳои нур ё садо)*; ~ **све́та** дифраксияи нур

дифтери́йн||ый, -ая, -ое дифтериягӣ, ...и дифтерия, ...и гулузиндонак, ...и хуннок; ~**ые па́лочки** микробҳои дифтерия

дифтери́т *м разг. см.* **дифтери́я**

дифтери́тный, -ая, -ое *разг. см.* **дифтери́йный**

дифтери́я *ж мед.* дифтерия, гулузиндонак, хуннок

дифто́нг *м лингв.* дифтонг *(ба ҳам пайваста омадани ду садонок дар як ҳиҷо)*

дифтонгиза́ция *ж лингв.* дифтонг шудани садоноки оддӣ

дифтонги́ческ||ий, -ая, -ое *лингв.* дифтонги, ...и дифтонг; ~**ие зву́ки** овозҳои дифтонги

диффама́ция *ж юр.* бадномкунӣ *(нашри маълумоте, ки касеро бадном мекунад)*

диффере́нт *м* дифферент *(1. ком., фин. фарқи нархи мол дар вақти фармудан ва гирифтани он 2. мор. фарқияти ба об ғутидани қисми пеш ва ақиби киштӣ)*

дифференциа́л *м* дифференциал *(1. мат. ба қадри дилхоҳ афзудани бузургии мустақили таъғирёбанда 2. тех. механизми махсуси автомобиль, ки ба воситаи он ду чархи ба як тир пайваст кардашуда бо суръатҳои гуногун гирд гашта метавонанд)*

дифференциа́льн||ый, -ая, -ое ...и дифференциал, дифференциалӣ; ~**ое исчисле́ние** ҳисоби дифференциалӣ *(қисми математикаи олӣ, ки дифференциацияи функцияҳоро меомӯзад)*; ~**ая геоме́трия** геометрияи дифференциалӣ *(қисми геометрия, ки объектҳои геометриро бо ёрии ҳисоби дифференциалӣ меомузад)*

дифференциа́ция *ж* тафриқа, дифференциация; **кла́ссовая** ~ **дере́вни** тафриқаи синфии деҳа

дифференци́рование *с (по знач. гл.* **дифференци́ровать**) фарқ кардан(и); дифференциал ёфтан(и); *(по знач. гл.* **дифференци́роваться**) тафриқа шудан(и)

дифференци́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тафриқа (дифференциация) кардашуда 2. *прил.* дифференциациящуда, гуногун, мухталиф; ~**ые це́ны** нархҳои гуногун; ~**ая опла́та труда** музди гуногуни меҳнат

дифференци́ровать *сов., несов. что* 1. дифференциация (фарқ) кардан; ~ **це́ны** нархҳоро фарқ кунондан 2. *мат.* дифференциал ёфтан

дифференци́роваться 1. *сов., несов.* дифференциация (тафриқа) шудан 2. *несов. страд.* дифференциация (гуногун) карда шудан

диффузио́нный, -ая, -ое диффузӣ, диффузиягӣ, ...и диффузия

диффу́зия *ж физ.* диффузия, омезиш *(бо ҳамдигар омехтани зарраҳои гуногун)*; ~ **га́зов** диффузияи газҳо; ~ **жи́дкостей** диффузияи моеот

диффу́зн||ый, -ая, -ое 1. *физ.* диффузӣ, омехта 2. диффузӣ, номуайян, норавшан; ~**ые тума́нности** *астр.* туманпораҳои диффузӣ

дича́ть *несов.* 1. ваҳшӣ (ёбой) шудан 2. *(о человеке)* сур (одамгурез) шудан

дичи́на *ж разг. см.* **дичь** 1

дичи́ться *несов. кого-чего и без доп.* сӯр (одамгурез) будан, канораҷуӣ кардан, дури ҷустан; ~ **посторо́нних** аз бегонагон дури ҷустан

дичко́в||ый, -ая -ое хасак, бепайванд; ~**ая я́блоня** себи хасак (кӯҳӣ)

дичо́к *м* 1. ниҳоли хасак; **я́блоня**-~ себи хасак (кӯҳӣ) 2. *лес.* худру(й) дарахти худруй 3. *перен. разг.* одами сур, одамгурез

дичь *ж* 1. *собир.* сайд, ҷонварони шикоршаванда 2. *(мясо)* гӯшти (сайди) шикор 3. *разг.* сафсата, ёва, ҳарза; **нести́ (поро́ть)** ~ *прост.* музахраф гуфтан 4. *разг. (глухое место)* ҷои дурдаст (хилват)

диэле́ктрик *м физ.* диэлектрик

диэлектри́ческий, -ая, -ое *физ.* диэлектрики

длань *ж уст. поэт.* яд, даст, каф

длин||а́ *ж* 1. дарозӣ, тул, қад; ~**а́ и ширина́** каду бар; **ме́ры** ~**ы** ченакҳои дарозӣ; **изме́рить** ~**у́** дарозиро чен кардан 2. дарозӣ; ~**а́ окру́жности** дарозии доира; ~**а́ пути́** дарозии роҳ; ~**о́й в четы́ре ме́тра** дарозиаш чор метр; ~**а волны́** *радио* дарозии мавҷи радио; **во всю** ~**у́** сар то по (то охир); **во всю** ~**у́ у́лицы** аз сар то охири куча 3. муддат, кашолӣ; ~**а́ рабо́чего дня** муддати рузи кор

длинне́||ть *несов. разг.* дароз шудан, тул кашидан; **весно́й дни** ~**ют** дар баҳор рӯзҳо дароз шуда мегиранд

длинно: *қисми якуми калимаҳои мураккаб ба маънои «дароз»*: **длинноно́гий** дарозпо; **длинноно́сый** бинидароз

длиннобор́одый, -ая, -ое (длиннобород, -а, -о) ришдароз, ришкалон

длинново́лновый, -ая, -ое *радио* дарозмавҷ; ~ **радиоприёмник** радиоприёмники дарозмавҷ

длинноволокни́стый, -ая, -ое дарознах; ~ **хло́пок** пахтаи дарознах

длинноволо́сый, -ая, -ое (длинноволос, -а,-о) муйдароз

длиннокры́л||ый, -ая, -ое 1. болдароз, қанотдароз; ~**ые пти́цы** паррандаҳои болдароз 2. *в знач. сущ.* **длиннокрылые** *мн. зоол.* болдарозҳо *(номи як ҷинси паррандаҳо)*

длиннoли́цый, -ая, -ее (длиннолиц, -а, -е) руйдароз, аспруй

длинноно́гий, -ая, -ое (длинноног, -а, -о) подароз, дарозпой

длинноно́сый, -ая, -ое (длинноно́с, -а, -о) бинидароз, дарозбинӣ

длиннопо́лый, -ая, -ое (длиннопол, -а, -о) домандароз; ~ **кафта́н** хафтони домандароз

длинноpу́кий, -ая, -ое (длинноpу́к, -а, -о) дастдароз, дароздаст

длиннота́ *ж* 1. *уст. и прост.* дарозӣ, дурӣ; калонӣ 2. *мн.* **длинно́ты** тафсилоти зиёдатӣ; **в пье́се мно́го длинно́т** дар пьеса тафсилоти зиёдатӣ бисьёр аст

длинноу́хий, -ая, -ое (длинноух, -а, -о) гушдароз

длиннохво́стый, -ая, -ое (длиннохвост, -а, -о) думдароз

длинноше́ий, -яя, -ее гардандароз

длинноше́рстн||ый, длинношёрст||ый, -ая, -ое дарозпашм, серпашм; ~**ые о́вцы** гӯсфандони дарозпашм

длинну́щий, длинню́щий, -ая, -ее *прост.* ҷудо ҳам дароз, қаддароз

дли́нн||ый, -ая, -ое (дли́н|ен, -на́, -но) дароз, дур, чунг; баланд, калон; ~**ый путь** роҳи дур; ~**ый мужчи́на** марди дароз; ~**ое пла́тье** куртаи дароз; ~**ый день** рӯзи дароз ◇ ~**ая пе́сня** ин кори дилбазан аст; **у него́** ~**ый язы́к** вай бисьёр лаққӣ; **за** ~**ым рублём гна́ться (е́хать, охо́титься)** аз паси кори осону пурманфиат давидан

дли́тельно *нареч.* дуру дароз

дли́тельность *ж* мудовамат, дарозӣ; ~ **рабо́чего дня** дарозии рӯзи кор

дли́тельн||ый, -ая, -ое (дли́те|лен, -льна, -льно) дуру дароз, дароз, давомдор, кашолдор; ~**ое отсу́тствие** ғоибии дуру дароз, муддати дуру дароз ғоиб будан(и); ~**ое молча́ние** хомушии дуру дароз

длить *несов. что уст. книжн.* дароз кардан, тул (кашол) додан

дли́||ться *несов.* давом кардан (ёфтан), дароз шудан, тӯл кашидан, кашол ёфтан; **сеа́нс** ~**лся полтора́ часа́** сеанс яку ним соат давом кард; **бесе́да** ~**лась недолго** суҳбат бисьёр давом накард

для *предлог с род.* 1. *(в пользу, ради)* барои..., аз барои..., ба хотири...; **всё** ~ **побе́ды** ҳама чиз барои ғалаба; **я э́то де́лаю то́лько** ~ **вас** ман ин корро фақат барои шумо мекунам 2. *(указывает на цель)* барои..., бо мақсади...; **он приє́хал сюда́** ~ **о́тдыха** вай ба ин ҷо барои истироҳат омад 3. *(указывает на назначение предмета)* барои...; **кни́га** ~ **чте́ния** китоби хониш; **кни́га** ~ **дете́й** китоб барои бачагон; **я́щик** ~ **пи́сем и газе́т** қуттии мактуб ва газета; **ведро́** ~ **воды́** сатили об 4. *(указывает на лицо, предмет, которого что-л. касается)* барои...; **э́то бы́ло** ~ **него́ поле́зным уро́ком** ин барои вай дарси ибрат буд; **э́то вре́дно** ~ **здоро́вья** ин ба саломатӣ зарар дорад ◇ ~ **того́, что́бы** барои он ки...; **не́ для чего** ҳоҷат надорад; **не́ для чего торопи́ться** шитоб кардан ҳоҷат надорад; ~ **ви́да** руякӣ, барои намуд, бардурӯғ; ~**-ра́ди** *фольк. и обл.* барои..., аз барои..., ба хотири...

днева́лить *несов.* навбатдорӣ кардан

днева́льный *м* навбатдор, навбатчӣ

днева́льство *с* навбатдорӣ; **заступи́ть на** ~ ба навбатдорӣ сар кардан

днева́ть *несов.* рӯз гузарондан, рузро кӯр кардан, як руз дар роҳ истода дам гирифтан ~ **и ночева́ть** *у кого, где* шабу руз мондан

днёв||ка *ж* 1. рӯзи дамгирӣ; **за время похода было сделано три ~ки** дар вақти поход се рӯзи дамгирӣ буд 2. дамгирии (хоби) рузонаи ҷонварон; **озеро было излюбленным местом утиных ~ок** кул ҷои писандидаи дамгирии мурғобиён буд

дневник *м* 1. дафтари хотира (ёддошт); **путевой** ~ сафарнома; ~ **работы** дафтари қайди кори ҳарруза; **вести** ~ дафтари қайд доштан 2. *(школьный)* рузнома; **ученический** ~ рузномаи мактаббача

дневн||ой, -ая, -ое 1. рӯзона, ...и рӯз; **~ой свет** рушноии рӯз; **~ые занятия** машғулияти рузона; **~ой сеанс** сеанси рузона 2. якруза; **~ой заработок** музди кори якруза; **~ая норма выработки** нормаи кори якрӯза; **~ой сбор хлопка** пахтаи дар як рӯз чидашуда; **~ой переход** роҳи якрӯза 3. *(бодрствующий днём)* рузгард, рузпар; **~ая бабочка** шапалаки рӯзпар; **~ые хищники** даррандаҳои рузгард ◇ **лампа ~ого света** чароғи маҳтобӣ

днём *нареч.* рузона; ~ **он бывает занят** вай рузона банд аст ◇ ~ **с огнём не найти (не сыскать)** тухми Анқо барин ноёб аст; тухмаш аз Бағдод омадааст

днесь *нареч. уст.* *(ныне, теперь)* айдун, эдун, алҳол

днище *с* таг; ~ **бочки** таги бочка; ~ **судна** таги киштӣ

дно *с* 1. *тк. ед.* таг, таҳ, қаър; **на дне моря** дар қаъри баҳр; ~ **оврага** таги ҷарӣ; ~ **окопа** таги хандақ 2. *(мн.* **донья)** таг; ~ **стакана** таги стакан; **со дна корзины** аз таги сабад ◇ **золотое ~** кори сердаромад; ганҷи беранҷ; **вверх дном** чаппагардон, вожгун(а); **перевернуть всё вверх дном** алғав-далғав кардан, поскуно кардан; **до дна** то таг, то охир, тамоман; **выпить (испить) [горькую] чашу до дна** азобу укубати бисьёре кашидан; талхии зиндагиро чашидан; **достать со дна морского (моря)** аз таки замин бошад ҳам ёфтан; **идти ко дну** 1) ғарқ шудан 2) ҳалок (нобуд) шудан; **попасть (опуститься) на** ~ радди маърака шудан; **пустить (отправить) на** ~ ғарқ кардан; **ни дна, ни покрышки** *кому прост.* бало (арвоҳ) занад

дноочистительный, -ая, -ое ...и тозакунандаи қаъри об

дноуглубительный, -ая, ое ...и чуқуркунандаи каъри об

до I *предлог с род.* 1. *(указывает расстояние, время)* то, то ба; **до города осталось пять километров** то шаҳр панҷ километр монд; **достать до дна** то ба таг расидан; **до отхода поезда осталось полчаса** то рафтани поезд ним соат монд; **ждать до вечера** то бегоҳ мунтазир шудан; **до полной победы** то ғалабаи комил; **до особого распоряжения** то фармони махсус 2. *(указывает на степень действия):* **износить до дыр** то дариданаш пушидан; **истратить до копейки** то тини охир ин харҷ кардан; **я удивлён до крайности** ман бениҳоят ҳайронам; **промокнуть до нитки** шип-шилтиқ шудан; **промёрзнуть до костей** сахт хунук хурдан; **покраснеть до корней волос** аз хиҷолат суп-сурх шудан; **устать до смерти** бисьёр шалпар шудан; **обидеться до слёз** сахт хафа шудан; **вылить всё до капли** то қатраи охирин рехтан 3. *(прежде)* пеш аз, то; **до революции** пеш аз революция; **до наступления холодов** то хунук шудани ҳаво 4. *(приблизительно)* қариб, тақрибан, то, то ба; **зал вмещает до тысячи человек** дар зал қариб ҳазор кас мегунҷад; **мороз доходит до сорока градусов** сармо то ба чил дараҷа мерасад 5. *(не больше)* то; **дети до десяти лет** бачагони то синни даҳ; **весом до пяти килограммов** вазнаш то панҷ килограмм 6. *(указывает на лицо, предмет, которого что-л. касается)* ба; **мне нет до этого дела** ман ба ин коре надорам; **мне не до шуток (не до смеху)** ҳозир ба ман шухӣ намефорад; **что до** *кого-чего...*, ...бошад; **что до меня, то я согласен** гап дар бораи ман бошад, ман розӣ ҳастам ◇ **до свидания** хайр, то дидан(а); **до чего** ... 1) *(как)* чунон..., бисьёр...: **до чего жарко** чунон гарм ки...; **до чего жаль** сад афсус ки... 2) *(какой)* чӣ, аҷаб; **до чего интересная книга** аҷаб (чӣ) китоби шавқовар; **до сих пор, до сих пор** 1) *(о месте)* то ин ҷо: **читайте до сих пор** то ин ҷо хонед 2) *(о времени)* то ҳол; **его нет до сих пор** вай то ҳол нест; **до того, как** ... то...; **ждите до того, как он придёт** то омадани вай нигоҳ карда истед; **они будут готовы до того, как он придёт** то омадани вай онҳо тайёр мешаванд; **до тех пор пока** ... то вақте ки...; **до того, что...** 1) *(так долго, что)* он қадар...; **он кричал до того, что охрип** вай он қадар дод зад, ки овозаш гирифт 2) *(до такой степени, что)* то ба дараҷае..., он чунон..., он қадар...; **он до того устал, что не может двинуться** вай он чунон монда шуд, ки маҷоли ҷунбидан надорад; **от доски до доски (прочитать, выучить)** аз аввал то охир, аз андаш ба бандаш (хондан, ёд кардан)

до II *с нескл. муз.* до *(овози якуми гаммаи мусиқӣ ва нотаи он)*; **нижнее до** дои поён (паст); **взять верхнее до** дои болоро хондан

до- *приставка* 1. *префиксе, ки чунин маъноҳоро ифода мекунад:* 1) *амалеро ба охир расондан, ба мақсад расидан —* **дочитать** хонда фуровардан (тамом кардан); **доехать** рафта расидан 2) *то ба андозаи муайяне пур ё илова кардани чизе —* **докупить** боз (бар илова) харидан; **дополучить** боз (бар илова) гирифтан 3) *бо ҳиссачаи «-ся» то ба дараҷаи муайян расонидани амал —* **добудиться** бедор кардан, ба зур бедор кардан 4) *ба натиҷаи номатлуб расидан —* **доболтаться** лаққида ба бало мондан 2. *ба маънои «пеш», «то» омада, бо калимаи асосӣ сифате месозад, ки ҳодисаи пеш руйдодаро ифода мекунад:* **дореволюционный** тореволюционӣ, ...и пеш аз революция; **дошкольный** томактабӣ 3. *бо сифатҳои нопурраи аслӣ омада, зарфи тарзи амал месозад:* **добела** то сафедӣ, то сафедшавӣ; **догола** луб-луч; **досуха** то хушкшавӣ

добавить *сов. что, чего* илова (изофа, зам) кардан, боз андохтан; ~ **сахару в чай** ба чой боз қанд андохтан; ~ **денег** боз пул додан // *тж. без доп.* гуфта (навишта) илова кардан; **мне нечего ~ к сказанному** дигар гапи мегуфтагӣ (илова мекардагӣ) надорам; ~ **несколько слов к письму** ба мактуб якчанд сухан илова кардан

добави||ться *сов.* илова (изофа, зам) шудан; **~лась новая забота** ташвиши нав зам шуд

добавк||а *ж разг.* хуроки илова; **ребята попросили ~и** бачаҳо боз хӯрок хостанд

добавлени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **добавить)** илова (изофа, зам) кардан(и) 2. илова, изофа, замима; **~е к статье** иловаи мақола; **примечания и ~я** эзоҳ ва замима; **в ~е к сказанному** ба замми чизҳои гуфташуда

добавлять *несов. см.* **добавить**

добавляться *несов.* 1. *см.* **добавиться**; 2. *страд.* илова (изофа, зам) карда шудан

добавок *м прост. см.* **добавление** 2

добавочн||ый, -ая, -ое иловагӣ, изофагӣ; **~ое время** вақти иловагӣ; **~ый расход** харҷи иловагӣ

добалтываться *несов. см.* **доболтаться**

добегать *несов. см.* **добежать**

добегаться *сов. разг.* даводавӣ карда ба нохушие дучор шудан

добежать *сов.* давида расидан (омадан); ~ **до дома** то ба ҳавлӣ давида омадан // *перен.* паҳн шудан *(оид ба мавҷ, овоз ва* г.)

добела *нареч.* 1. *(до белизны)* то сафедӣ, то сафедшавӣ, то сафед шудан; **отмыть** ~ шуста сап-сафед кардан 2. *(до белого каления)* бисьёр тафсондашуда; **раскалённый ~ металл** металли бисьёр тафсондашуда

добеливание *с (по знач. гл.* **добелить)** сафед кардан(и), тамом сафед кардан(и), сап-сафед кардан(и)

добеливать *несов. см.* **добелить**

добеливаться *несов. страд.* тамом сафед карда шудан, сап-сафед гардидан

добелить *сов. что* сафед кардан, тамом сафед кардан, сап-сафед кардан, сафед карда шудан; ~ **комнату** хонаро сафед карда шудан; ~ **потолок до середины** шифтро то миёнҷояш сафед кардан

добелка *ж прост. см.* **добеливание**

доберман *м разг.* доберман; *см.* **доберман-пинчер**

доберман-пинчер *м* доберман-пинчер *(саги пайгир)*

добивать *несов. см.* **добить**

добива́ться I *несов. см.* **доби́ться**
добива́ться II *несов. страд.* то мурдан зада шудан; зада кушта шудан
добира́ть *несов. см.* **добра́ть**
добира́ться I *несов. см.* **добра́ться**
добира́ться II *несов. страд.* боз гирифта шудан; чида тамом карда шудан
доби́ть *сов.* 1. *кого-что* то мурдан задан, зада-зада куштан; ~ **ра́неного во́лка** гурги захмдорро зада-зада куштан 2. *кого-что (разгромить)* торумор (нобуд) кардан; несту нобуд кардан; ~ **врага́** душманро торумор кардан 3. *что (разбить)* тикка-тикка (пора) кардан, чинга-чинга (гард-гард) кардан; ~ **ча́шку** пиёларо чинга-чинга кардан
доби́ться *сов. чего* 1. муваффақ (ноил) шудан, ба даст даровардан; ~ **больши́х успе́хов** ба муваффақиятҳои бузург ноил шудан; ~ **своего́** ба мақсади худ расидан; **от него́ сло́ва не добьёшься** аз вай ҳеҷ гап гирифта намешавад; даҳанаш киро металабад 2. фаҳмида (дониста) гирифтан, пурсуҷу карда донистан; **так я и не доби́лся, где он у́чится** ҷои мехондагиашро ҳеҷ фаҳмида натавонистам; **не добьёшься то́лку** ҳеҷ чиз фаҳмида намешавад
до́блестно *нареч.* шуҷоатмандона, далерона, мардонавор; ~ **защища́ть свою́ ро́дину** ватани худро далерона ҳимоя кардан; ~ **сража́ться** мардонавор ҷангидан
до́блестн||ый, -ая, -ое (до́блест|ен, -на, -но) шуҷоъ, шуҷоатнок, далер, диловар(она); ~**ая а́рмия** армияи диловар; ~**ый по́двиг** корномаи диловарона; за ~**ый труд** барои меҳнати шуҷоатнок
до́блесть *ж* шуҷоат, далерӣ, диловарӣ, мардонагӣ; **прояви́ть** ~ шуҷоат нишон додан; **трудова́я** ~ шуҷоати меҳнатӣ
доболта́ться *сов. разг.* лаққида ба бало мондан
добо́р *м см.* **добира́ние**
добра́живать *несов. см.* **доброди́ть**
добра́сывать *несов. см.* **добро́сить**
добра́ть *сов.* 1. *что, чего* боз гирифтан, боз гирифта тамом кардан, чида тамом кардан; ~ **я́годы** меваҳоро чида тамом кардан 2. *что полигр.* чида тамом кардан *(дар ҳарфчинӣ)*
добра́||ться *сов.* 1. расидан, ба зӯр омада расидан, оҳиста рафта расидан; **мы с трудо́м** ~**ли́сь до железнодоро́жной ста́нции** мо ба зӯр то истгоҳи роҳи оҳан расидем; **к ве́черу они́** ~**ли́сь до го́рода** бегоҳирӯзӣ онҳо ба шаҳр расиданд // *разг. (добиться встречи)* даромадан; **к нему́ не так-то легко́** ~**ться** ба назди ӯ (он кас) даромадан кори осон не 2. *до чего перен. разг. (понять)* фаҳмидан, донистан; **он так и не смог** ~**ться до и́стинной причи́ны** вай ба таги гап ҳеҷ расида (сарфаҳм рафта) натавонист; ~**ться до су́ти де́ла** моҳияти корро фаҳмидан, ҷони гапро донистан 3. *до кого-чего разг.* танбеҳ (ҷазо) додан, боб кардан; **вот я до тебя́ доберу́сь!** ҳоло мебинӣ, ман туро боб мекунам!
добра́чн||ый, -ая, -ое ...и муҷаррадона, ...и пеш аз никоҳ, ...и то зангирӣ, ...и то шавҳаркунӣ; ~**ая жизнь** зиндагии муҷаррадона
до́бре *нареч. обл. см.* **добро́** II 2, 3
добреда́ть *несов. см.* **добрести́**
добре́йш||ий, -ая, -ее *превосх. ст. к* **до́брый** некӯтарин, хеле меҳрубон, бисьёр мушфиқ; ~**ее существо́** одами бисьёр мушфиқ
добре||сти́ *сов.* ба зӯр (ба як азоб) расидан, оҳиста-оҳиста рафта расидан; **мы е́ле-е́ле** ~**ли́ до́ дому** ба зӯр ба хона рафта расидем; **гуля́я, мы** ~**ли́ до реки́** оҳиста-оҳиста сайркунон ба лаби дарьё расидем
добре́ть I *несов. (становиться добрым)* меҳрубон (раҳмдил, хушфеъл) шудан
добре́ть II *несов. разг. (становиться толстым)* фарбеҳ шудан, гӯшт гирифтан, тана (тану тӯш) мондан
добрива́ть *несов. см.* **добри́ть**
добрива́ться *несов.* 1. *см.* **добри́ться**; 2. *страд.* то охир тарошида шудан
добри́ть *сов. кого-что* то охир тарошидан *(мас. риштро)*
добри́ться *сов.* тарошида шудан
добр||о́ I *с* 1. некӣ, хайр, хубӣ, нағзӣ; ~**о́ и зло** некӣ ва бадӣ, хайру шар(р); **жела́ть** ~**а́ кому́-л.** ба касе некӣ хостан; **сде́лать мно́го** ~**а́ лю́дям** ба одамон бисьёр некӣ кардан; **из э́того** ~**а́ не вы́йдет** оқибати ин кор бахайр намешавад; **нет ху́да без** ~**а́** *посл.* ≈ ҳар зиёнеро суде ҳаст; то бад нагӯӣ, нек пеш наояд 2. *собир. разг.* мол, молу мулк, чизу чора; **бере́чь колхо́зное** ~**о́** молу мулки колхозро эҳтиёт кардан 3. *(с мест. «такой», «этот») ирон.* чизи (чизҳои) бекора; **у нас тако́го** ~**а́ мно́го** мо аз ин тавр чизҳои бекора бисьёр дорем ◇ **не к** ~**у́** оқибаташ хуб не; **помина́ть** ~**о́м** ба некӣ ёд кардан
добро́ II *нареч.* 1. *в знач. сказ. безл. разг. (хорошо)* хуб, нағз; ~, **что пришли́** нағз шуд, ки омадед 2. *в знач. утв. частицы уст. (ладно)* хуб, майлаш, маъқул 3. *в знач. усл. союза (если бы ещё)* кошки, агар; ~ **бы он сам ви́дел, а то ему́ кто́-то рассказа́л об э́том** кошки худаш медид, ва ҳол он ки касе инро ба вай нақл кардааст ◇ ~ **пожа́ловать!** хуш омадед!, хайра мақдам!
добро́ III *с уст. (название буквы «д»)* номи қадимаи ҳарфи «д»
добро- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «нек», «хайр»:* **добросерде́чие** меҳрубонӣ, раҳмдилӣ, нармдилӣ
доброво́л||ец *м* довталаб, аскари фидоӣ; **пойти́ в а́рмию** ~**ьцем** ба сафи армия ихтиёри дохил шудан // ихтиёрӣ; **на стро́йку шло мно́го** ~~**ьцев** ба сохтмон ихтиёриёни бисьёр мерафтанд
доброво́льно *нареч.* ихтиёрӣ
доброво́льност||ь *ж* ихтиёрӣ будан(и), ғайримаҷбурӣ будан(и); **при́нцип** ~**и** принципи ихтиёрӣ будан(и)
доброво́льн||ый, -ая, -ое (доброво́|лен, -льна, -льно) ихтиёрӣ; ~**ое нача́ние** ташаббуси ихтиёрӣ; ~**ый помо́щник** ёрдамчии ихтиёрӣ; **на** ~**ых нача́лах** ба тариқи ихтиёрӣ; ~**ое спорти́вное о́бщество** ҷамъияти ихтиёрии варзишӣ (спорти)
доброво́льческий, -ая, -ое ...и довталаб, ...и аскарони фидоӣ; ...и фидоиён; ~ **отря́д** дастаи фидоиён
доброво́льчество *с* довталабӣ, фидоият
доброде́тель *ж* некӯӣ, некукорӣ, неккирдорӣ
доброде́тельный, -ая, -ое (доброде́те|лен, -льна, -льно) неккирдор, накукор
доброди́||ть *сов. (напр. о вине, пиве)* расидан, ҷӯшида тайёр шудан, турушида ба қиём расидан; **пи́во** ~**ло** пиво ҷӯшида тайёр шуд
доброду́шие *с* софдилӣ, нармдилӣ, ҳалимӣ
доброду́шно *нареч.* софдилона, нармдилона, ҳалимона; ~ **улыбну́ться** ҳалимона табассум кардан
доброду́шн||ый, -ая, -ое (доброду́ш|ен, -на, -но) софдил(она), нармдил(она), ҳалим(она); ~**ый челове́к** одами нармдил; ~**ый взгляд** нигоҳи ҳалимона; ~**ое лицо́** чеҳраи ҳалим; ~**ая улы́бка** табассуми ҳалимона
доброжела́тель *м* некхоҳ, хайрхоҳ, хайрандеш
доброжела́тельница *женск. к* **доброжела́тель**
доброжела́тельно *нареч.* некхоҳона, хайрхоҳона; ~ **относи́ться к кому́-л.** ба касе хайрхоҳона муносибат кардан
доброжела́тельность *ж см.* **доброжела́тельство**
доброжела́тельн||ый, -ая, -ое (доброжела́те|лен, -льна, -льно) некхоҳ(она), хайрхоҳ(она), хайрандеш; ~**ый челове́к** одами хайрхоҳ; ~**ое отноше́ние** муносибати хайрхоҳона; ~**ая улы́бка** табассуми дилнишин
доброжела́тельство *с* некхоҳӣ, хайрхоҳӣ, хайрандешӣ
доброжела́тельствовать *несов. уст.* некхоҳӣ (хайрхоҳӣ) кардан
доброка́чественно *нареч.* хушсифат; **рабо́та вы́полнена** ~ кор хушсифат иҷро шуд
доброка́чественность *ж* хушсифатӣ, хушсифат будан(и); ~ **тка́ни** хушсифатии матоъ
доброка́чественн||ый -ая, -ое (доброка́чествен, -на, -но) 1. хушсифат, хушҷинс; ~**ые проду́кты** озуқавории хушсифат 2. *мед.* безарар, безиён; ~**ая о́пухоль** варами безарар
добро́м *нареч. разг.* ба нағзӣ, хушӣ ба хушӣ
добронра́вие *с уст.* хушхулқӣ, хушахлоқӣ, хушфеълӣ
добронра́вный, -ая, -ое (добронра́вен, -на, -но) *уст.* хушхулқ, хушахлоқ, хушфеъл
добропоря́дочно *нареч.* ҳалолкорона, боинсофона
добропоря́дочност||ь *ж* ҳалолкорӣ

росткорӣ; не́ было сомне́ния в его́ ~и ба ҳалолкории у шубҳа набуд

добропоря́дочный, -ая, -ое (добропоря́доч|ен, -на, -но) ҳалол(кор), росткор(она), ҳалолкор(она); ~ **челове́к** одами ҳалол (росткор)

добросерде́чие *с* меҳрубонӣ, раҳмдилӣ

добросерде́чность *ж см.* **добросерде́чие**

добросерде́чн||ый, -ая, -ое (добросерде́ч|ен, -на, -но) меҳрубон(она), раҳмдил(она), нармдил(она); **~ый челове́к** одами нармдил (раҳмдил); **~ые слова́** суханони меҳрубонона

добро́сить *сов. что* ҳаво дода расондан, то ҷое андохтан; ~ **мяч до по́ля** тубро то майдон андохтан

добросо́вестно *нареч.* *(честно)* боинсофона, софдилона, аз руи инсоф (виҷдон); ~ **относи́ться к свои́м обя́занностям** вазифаҳои худро аз руи виҷдон иҷро кардан // *(тщательно)* бо диққат, диққаткорона; ~ **вы́учить уро́к** дарсро диққаткорона аз худ кардан

добросо́вестность *ж* боинсофӣ, бовиҷдонӣ; дурусткорӣ; ~ **в рабо́те** ҳалолкорӣ

добросо́вестн||ый, -ая, -ое (добросо́вест|ен, -на, -но) боинсоф(она), бовиҷдон(она); **~ый челове́к** одами боинсоф; **~ый труд** меҳнати боинсофона; **~ое выполне́ние обяза́тельств** иҷрои бовиҷдононаи вазифаҳои худ

добрососе́дск||ий, -ая, -ое дустона, рафиқона, ...и неки ҳамсоягӣ; **~ие отноше́ния** муносибатҳои дустона, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ

добрососе́дство *с* дустӣ, рафоқат, ҳамсоягии дустона

доброта́ *ж* некӣ, некуӣ; меҳрубонӣ; ~ **хара́ктера** нексиратӣ, нексириштӣ

добро́та *ж уст. см.* **добро́тность**

добро́тно *нареч.* хушсифат, нағз; ~ **сде́ланный шкаф** ҷевони хушсифат сохташуда

добро́тность *ж* хушсифатӣ, маҳкамӣ, бадоштӣ; ~ **костю́ма** хушсифатии костюм

добро́тн||ый, -ая, -ое (добро́т|ен, -на, -но) хушсифат, маҳкам, бадошт; **~ые сапоги́** музаи бадошт; **~ое сукно́** моҳути хушсифат; **~ые семена** тухмии аълосифат

доброхо́т *м уст. см.* **доброжела́тель**

доброхо́тный, -ая, -ое *уст.* 1. см. **доброжела́тельный**; 2. *см.* **доброво́льный**

доброхо́тство *с уст. см.* **доброжела́тельство**

до́бр||ый, -ая, -ое (добр, -а́, -о, до́бры) 1. нек, некӯкор, раҳмдил, меҳрубон; дилнишин, дилписанд, пурмеҳр; **~ая душа́** ҷони одам; **~ый го́лос** овози дилнишин; **~ые глаза́** чашмони пурмеҳр 2. хуш, хайр, нек; **~ые дела́** корҳои хайр; **~ые изве́стия** хабарҳои хуш; **~ое сло́во** сухани нек 3. наздик, меҳрубон, қарин; **на́ши ~ые знако́мые** шиносҳои наздики мо; **~ые отноше́ния** муносибати дустона 4. *уст.* хуб, марғуб, хеле нағз; **~ые ко́ни** аспҳои хуб; **в ~ую по́ру** вақти муносиб; **по ~ому ста́рому обы́чаю** аз руи одати хуби қадим; **~ая са́бля** шамшери нағз 5. *уст. и фольк.* нек, нексиришт, поктинат; **~ый мо́лодец** ҷавонмард; **лю́ди ~ые!** *обращ.* мардум!; **~ый челове́к!** *обращ.* бародар!, э, ҷура! 6. *разг.* пок, нек; **оста́вить [о себе́] ~ую па́мять** хотираи (номи) нек монондан; **по́льзоваться ~ым и́менем** некном будан; **~ая сла́ва** шуҳрати нек 7. *разг. (полный, целый)* расо, тамом; **ему́ на вид ~ых пятьдеся́т лет** вай дар зоҳир расо панҷоҳсола менамояд; **~ый час он шёл по́ лесу** вай як соати тамом аз ҷангал мегузашт ◇ **~ый ве́чер!** салом!; **~ый ге́ний** *чей* тимсоли некӣ, валинеъмат; **~ый день!** салом!; **~ого здоро́вья!** саломат бошед!; **~ый ма́лый** одами хуб; **~ой но́чи!** шабатон ба хайр (хуш)!; **~ое у́тро!** субҳатон ба хайр (хуш)!, салом!; **всего́ ~ ого!** хайр!, саломат бошед!; **лю́ди ~ой во́ли** одамони поквиҷдон (некирода); **чего́ ~ого** *в знач. вводн. сл.* мабодо, худо нахоста; **он, чего́ ~ого, ещё оби́дится** мабодо, вай хафа ҳам шавад; **в ~ый путь!** роҳи сафед!, сафар бехатар!; **в ~ый час!** барори кор диҳад!, комьёбӣ ёратон бод!; **по ~ой во́ле** бо ихтиёри худ, ихтиёран; **будь добр, бу́дьте до́бры** *обращ. вежл.* лутфан, бемалол бошад, марҳамат карда; **бу́дьте до́бры, да́йте мне кни́гу** бемалол бошад, китобро ба ман диҳед

добря́к *м разг.* одами раҳмдил (нармдил)

добря́чка *женск. к* **добря́к**

добуди́||ться *сов. кого разг.* бедор кардан, ба зур бедор кардан; **у́тром его́ не добу́дишься** уро пагоҳӣ бедор карда намешавад; **я с трудо́м ~лся его́** уро ба зур бедор кардам

добыва́ние *с см.* **добы́ча** 1; ~ **средств к жи́зни** пайдо кардани ризқу рузӣ; ~ **ка́менного у́гля́** кандани ангиштсанг

добыва́ть *несов. см.* **добыть**

добыва́ться *несов. страд.* пайдо карда шудан; канда шудан, кофта баровярда шудан

добыва́ющ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* пайдокунанда, ба даст дароваранда, ...и истихроҷ ◇ **~ая промышленность** саноати [истихроҷи] маъдан

добы́ток *м уст. прост. (заработок, доход)* бозьёфт, даромад

добы́тчик *м* 1. *разг.* куҳкан; заршӯй, тиллокоб; **~и ме́ди** мискан, мискоб; ~ **зо́лота** тиллокоб 2. *прост.* ёбанда, ҷамъоваранда

добы́тчица *женск. к* **добы́тчик** 2

добы́ть *сов.* 1. *что, чего* гирифтан, ба даст даровардан, пайдо кардан, ёфтан; ~ **необходи́мые кни́ги** китобҳои зарурӣро пайдо кардан; ~ **де́нег** пул пайдо кардан 2. *кого-что, чего* шикор кардан, задан; ~ **не́сколько бе́лок** якчанд санҷобро задан 3. *что, чего* кандан, кофта баровардан; ~ **ты́сячи тонн руды́** ҳазорҳо тонна маъдан кандан

добы́ч||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **добы́ть**) бадастдарорӣ, пайдокунӣ; кандан(и), -канӣ; **механиза́ция ~и то́рфа** механиконидани торфканӣ; **~а ка́менного у́гля́** ангишткани; **промы́шленная ~а не́фти** истихроҷи саноатии нафт 2. сайд, ғанимат; **охо́тники верну́лись с бога́той ~ей** шикорчиён сайди бисьёре оварданд 3. чизи кандашуда (кофташуда); **дневна́я ~а у́гля́** ангиштсанги дар як руз кандашуда 4. *перен. (жертва)* туъма; **дом стал ~ей огня́** ҳавлӣ туъмаи оташ шуд

добы́члив||ый, -ая, -ое (добы́члив, -а, -о) *прост.* хуштолеъ, баландтолеъ, бобарор; **~ый охо́тник** сайёди хуштолеъ; **~ая охо́та** шикори бобарор

дова́ривать *несов. см.* **довари́ть**

дова́риваться *несов.* 1. *см.* **довари́ться**; 2. *страд.* тамом пухта шудан

довари́ть *сов. что* тамом пухтан, тамом пазондан, пухта тайёр кардан; ~ **ры́бу** моҳиро тамом пухтан; ~ **мя́со до гото́вности** гуштро пухта тайёр кардан

довари́ться *сов.* тамом (комилан) пухтан

дове́даться *сов. уст. и прост. (разузнать)* дониста гирифтан, хабардор шудан; пурсуҷу карда донистан

доведе́ние *с (по знач. гл.* **довести́** 2—4) расондан(и), гузарондан(и); хабардор кардан(и); ~ **проду́кции до потреби́теля** расондани маҳсулот ба истеъмолкунанда

дове́дываться *несов. уст. и прост. (стараться узнать что-л.)* суроғ (пурсуҷу) кардан

довезти́ *сов. кого-что* расондан, бурда расондан (мондан), оварда расондан (мондан) *(савора)*; ~ **до до́ма** то хона бурда мондан

дове́ивать *несов. см.* **дове́ять**

дове́иваться *несов. страд.* то охир бод карда шудан

до́веку *нареч. обл. (всегда)* доимо, як умр

дове́ренност||ь *ж* 1. ваколатнома, хати қабола; **получи́ть де́ньги по ~и** бо ваколатнома пул гирифтан 2. *уст. (доверие)* эътимод, итминон

дове́ренн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* амонат мондашуда 2. *прил.* амин, мӯътамад, эътимоднок; **~ое лицо́** шахси мӯътамад (эътимоднок) 3. *в знач. сущ.* **дове́ренный** *м* вакил, намоянда

дове́ри||е *с* бовар, дилпурӣ эътимод; **ока́зывать кому́-л. ~е** ба касе бовар доштан; **теря́ть ~е** бовар гум кардан; **пита́ть к кому́-л. ~е** аз касе дилпур будан; **по́льзоваться чьи́м-л. ~ем** дар назди касе эътимод доштан; **оправда́ть чьё-л. ~е** сазовори эътимоди касе шудан; **заслу́живающий ~я** сазовори эътимод; **его́ слова́ не заслу́живают ~я** сухани ӯ қурб надорад, ба гапи у бовар карда намешавад; **злоупотребле́ние ~ем** суиистифода кардани эътимод ◇ **во́тум ~я** изҳори бовар; **войти́ (втере́ться) в ~е к кому́-л.** ба мағзи пусти касе даромадан (ҷо

шудан); **облечь ~ем кого-л.** ба касе эътимод (бовар) кардан

доверитель *м офиц.* ваколатдиҳанда, вакилкунанда

доверительница *женск. к* **доверитель**

доверительно *нареч.* маҳрамона, махфӣ; ~ **сообщить что-л. кому-л.** дар бораи чизе маҳрамона ба касе гуфтан

доверительн||ый, -ая, -ое 1. эътимодомез; ~**ый тон** лаҳни эътимодомез **2.** *уст.* ваколатӣ, ...и ваколат; ~**ый документ** санади ваколат **3.** *уст.* маҳрамона, махфӣ; ~**ое письмо** мактуби махфӣ

доверить *сов.* **1.** *кого-что* бовар (эътимод) кардан; бовар карда гуфтан; ~ **тайну другу** сирри худро ба дуст бовар карда гуфтан **2.** *что и с неопр.* бовар карда супурдан; ~ **получить деньги кому-л.** гирифтани пулро ба касе бовар карда супурдан

довериться *сов. кому-чему* бовар (эътимод) кардан, дилпур будан; **вам я могу** ~ ман ба шумо бовар карда метавонам, аз шумо дилам пур аст

довернуть *сов. что разг.* то охир тофтан; ~ **кран** ҷумакро то охир тофтан

довернуться *сов. разг.* тоб хурдан, тофта шудан

довертеть *сов. что разг.* то охир тофтан

довертеться *сов. разг.* ба ҳолати ногувор афтидан; сабукӣ карда ба ягон бало гирифтор шудан

довёртывать *несов. см.* **довернуть** *и* **довертеть**

довёртываться *несов.* **1.** *см.* **довернуться**; **2.** *страд.* то охир тофта шудан

доверху *нареч.* то боло, то лаб, лаболаб, лабрез; **наполнить ведро** ~ сатилро лабрез кардан

доверчиво *нареч.* зудбоварона, дилпурона, соддадилона; ~ **смотреть** дилпурона нигоҳ кардан

доверчивость *ж* зудбоварӣ, соддадилӣ

доверчив||ый, -ая, -ое (доверчив, -а, -о) зудбовар, соддадил, аноӣ; ~**ый человек** одами зудбовар // эътимодбахш; ~**ая улыбка** табассуми эътимодбахш // *(откровенный)* самимона, кушодадилона, софдилона; ~**ые отношения** муносибати самимона

довершать *несов. см.* **довершить**

довершаться *несов.* **1.** *см.* **довершиться**; **2.** *страд.* анҷом дода шудан, ба охир расонда шудан

довершение *с (по знач. гл.* **довершить**) анҷом додан(и), ба охир расондан(и), ба анҷом расондан(и); ~ **начатого дела** анҷом додани кор ◇ **в** ~ [**всего**] ба замми ..., ба болои...; **в** ~ **всего сказанного** ба замми ҳамаи ин гапҳо

довершить *сов. что* анҷом додан, ба охир (ба анҷом, ба итмом) расондан; ~ **начатое дело** кори саршударо ба охир расондан

довершиться *сов.* анҷом ёфтан, ба охир (ба анҷом, ба итмом) расидан

доверять *несов.* **1.** *см.* **доверить**; **2.** *кому-чему* бовар (эътимод) кардан, дилпур будан; **ему нельзя** ~ ба у бовар кардан мумкин нест

доверяться *несов.* **1.** *см* **довериться**; **2.** *страд.* бовар карда шудан; супурда шудан

довесок *м* порча, лунда, бурда *(дар баркаш)*

довести *сов.* **1.** *кого-что* расондан, бурда расондан (мондан), овардан, оварда расондан (мондан); ~ **до дому** ба хона бурда расондан **2.** *что (проложить)* гузарондан, расондан **3.** *кого-что* расондан; ~ **до слёз** гирьёндан; ~ **до крайности** ба ифрот расондан, аз ҳад гузарондан **4.** *что* расондан, гуфтан, хабардор кардан; ~ **информацию до сотрудников** ахборро ба маълумоти кормандон расондан; ~ **до сведения** ба маълумот (ба арз) расондан, маълум кардан ◇ ~ **до белого каления кого-л.** ҷаҳли касеро хезондан (овардан)

дове||стись *сов. безл. кому-чему* рост омадан, насиб (муяссар) шудан; тавонистан; **мне** ~**лось там побывать** ман ба он ҷо рафта будам; **ему не** ~**лось повидать друга** дидори дӯст ба вай насиб нашуд

довеять *сов. что* то охир бод кардан, бод дода тамом кардан; ~ **пшеницу** бод додани гандумро тамом кардан

довивать *несов. см.* **довить**

довиваться *несов. страд.* то охир тофта шудан

довинтить *сов. что* тофтан, то охир тофтан, тамом тофтан; ~ **винт до половины** винтро то нисфаш тофтан

довинчивать *несов. см.* **довинтить**

довинчиваться *несов. страд.* тофта шудан

довить *сов. что* тофта тамом кардан, то охир тофтан; бофта тамом кардан, то охир бофтан

довлеть *несов.* **1.** *кому-чему уст. (удовлетворять)* конеъ кардан, кофӣ будан **2.** *над кем-чем и без доп.* қавӣ будан; тазьиқ овардан; ҳукмрон будан

довод *м* далел, бурҳон; **вескии** ~ далели асоснок (қатъӣ); **приводить** ~**ы** далел овардан; **приводились** ~**ы за и против этого предложения** ба тарафдорӣ ва муқобили ин таклиф далелҳо оварда мешуданд

доводить *несов.* **1.** *см.* **довести**; **2.** *что тех. (дорабатывать — напр. новую машину)* соз (буд) кардан, аз даст баровардан, такмил додан

доводиться *несов.* **1.** *см.* **довестись**; **2.** *кому кем разг. (быть в родстве)* хеш будан; **он мне доводится дядей** вай ба ман амак (тағо) мешавад **3.** *страд.* расонда шудан, бурда расонда шудан, оварда шудан; соз карда шудан

доводка *ж тех.* соз кардан(и), буд кардан(и), аз даст баровардан(и); ~ **детали** соз кардани деталь

доводочн||ый -ая, -ое *тех.* созкунанда, будкунанда, аз даст бароранда; ~**ые станки** дастгоҳҳои созкунанда

довоевать *сов. разг.* ҷангида шудан

довоеваться *сов. разг. до чего* ҷангид... шикаст хурдан

довоенн||ый, -ая, -ое ...и пеш аз ҷан... пешазҷангӣ; ~**ое время** замони пе... аз ҷанг; ~**ый уровень промышленно**... **ти** дараҷаи тараққиёти пешазҷанги... саноат

довозить I *несов. см.* **довезти**

довозить II *сов. что разг.* то охи... кашондан, кашонда тамом кардан

довозиться I *несов. страд.* расонд... шудан, бурда расонда шудан

довозиться II *сов. разг.* шухӣ (ка... макаш) карда ба ягон ҳолат афтода...

доволакивать *несов. см.* **доволочит**...

доволакиваться *несов.* **1.** *см.* **доволо**... **читься** I; **2.** *страд.* кашолакунон р... сонда шудан

доволочи||ть *сов. кого-что разг.* к... шолакунон расондан, кашола кард... (бурда) расондан, ба зур кашола ка... да расондан; **он еле** ~**л ящик** вай қу... тиро ба зур кашола карда расон...

доволочиться I *сов. прост. (доти... щиться, добраться)* кашола шуда р... сидан, ба зур расидан

доволочиться II *сов. прост.* занбо... карда ба ягон бало гирифтор шуда...

доволочь *сов. прост. см.* **доволочит**...

доволочься *сов. прост. см.* **доволо**... **читься** I

довольно *нареч.* **1.** хушҳолона, хуш... нудона; **он** ~ **улыбнулся** вай хушҳол... на табассум кард **2.** анча, хеле; **про**... **ло уже** ~ **времени** хеле вақт гузаш... **3.** *в сочет. с прил. и нареч.* нисбата... то дараҷае, як қадар; **было уже** ~ **поздно** нисбатан дер шуда буд **4.** *знач. сказ. безл.* бас [аст], кифоя [аст... ~ **спорить!** мубоҳиса бас аст!; ~ **п**... **стых разговоров!** гуфтугӯҳои бемаъ... бас аст!; **за глаза** ~ басу зиёдатис... **с меня и этого** ~ барои ман ҳамина... ҳам кифоя аст

довольн||ый, -ая, -ое (дово|лен, -льн... -льно) хушҳол(она), хурсанд(она... хушнуд(она); розӣ, конеъ, ризоман... ~**ый вид** қиёфаи хушнуд; **быть** ~**ь**... розӣ будан; **он остался доволен спе**... **таклем** вай аз тамошои спектакль ху... санд шуд

довольстви||е *с воен.* таъминот; **в**... **щевое** ~**е** таъминоти молӣ; **снять с** ~... аз таъминот баровардан

довольств||о *с* **1.** хушҳолӣ, хурсанд... хушнудӣ; қаноатмандӣ **2.** фаровон... серию пурӣ, осудаҳолӣ; **жить в** ~... дар осудаҳолӣ зиндагӣ кардан

довольствовать *несов. кого-что* **1.** *ус*... конеъ кунондан **2.** *воен.* [аз озуқа ... мол] таъмин кардан; ~ **армию** армия... аз озуқа ва мол таъмин кардан

довольствоваться *несов.* **1.** *кем-ч*... қонеъ (розӣ) будан, қаноат карда... ~ **малым** ба камаш қаноат кард... **2.** *воен.* [аз озуқа ва мол] таъмин шуд...

довра||ться *сов. разг.* аз дуруғг... ии бисьёр беобру шудан, аз дурӯғгӯ... бисьёр ба сари худ фалокат оварда... аз дурӯғ ба сафсата гузаштан; ... ~**лся до того , что ему никто не вер**... аз дуруғгуии бисьёр ба ҷое расидаас... ки касе ба гапаш бовар намекун...

довре́менный, -ая, -ое *уст.* (*преждевременный*) нобаҳангом

довы́боры *тк. мн.* интихоботи иловагӣ; ~ **в Верхо́вный Сове́т** интихоботи иловагии Совети Олӣ

довы́полнить *сов. что* пурра иҷро кардан, то охир анҷом додан; ~ **план за кварта́л** плани кварталиро пурра иҷро кардан

довыполня́ть *несов. см.* **довыполнить**

довяза́ть *сов. что* 1. бофта тамом кардан, тамом бофтан; ~ **перча́тки** дастпушакро бофта тамом кардан 2. баста тамом кардан, тамом бастан; ~ **снопы́** бандҳоро баста тамом кардан

довя́зывать *несов. см.* **довязать**

довя́зываться *несов. страд.* тамом бофта шудан; тамом баста шудан

дог *м* дог (*як ҷинси саг*)

догада́ться *сов.* пай бурдан, фаҳмидан, сарфаҳм рафтан, дарьёфтан; **тру́дно** ~ пай бурдан мушкил аст

дога́дк||а *ж* 1. тахмин, фарз; **сме́лая** ~а тахмини ҷасурона 2. зиракӣ, хушфаҳмӣ, фаросат; **у него́** ~**и не хвати́ло** ақлаш нарасид; **прояви́ть** ~**у в рабо́те** дар кор хушфаҳмӣ нишон додан ◇ **теря́ться в** ~ах дар зери агару магар мондан, ба шубҳа афтодан

дога́дливость *ж* зиракӣ, хушфаҳмӣ, фаросат

дога́дливый, -ая, -ое (догадлив, -а, -о) тезфаҳм, зирак, бофаросат

дога́дываться *несов. см.* **догада́ться**

догла́дить *сов. что* уттӣ (дарзмол) карда шудан; ~ **костю́м** костюмро уттӣ карда шудан

догла́живать *несов. см.* **догла́дить**

догляде́ть *сов. разг.* 1. *что* дида баромадан, то охир дидан, то охир тамошо кардан; ~ **пье́су** пьесаро то охир тамошо кардан 2. *за кем-чем и без доп. чаще с отриц.* нигоҳбонӣ (парасторӣ) кардан; **не** ~ **за ребёнком** ба бача нағз нигоҳбонӣ накардан

догля́дывать *несов. см.* **догляде́ть**

до́гм||а *ж* 1. догма (*ҳолате, ки айни ҳақиқат донистa мешавад ва дар ҳамагуна шароит тағьир намеёбад*) 2. *чаще мн.* **до́гмы** догмаҳо (*нуктаҳои асосии ягон таълимот*); ~**ы ри́мского пра́ва** догмаҳои ҳуқуқшиносии Рим

до́гмат *м* 1. *рел.* догмат, аҳкоми дин 2. *см.* **до́гма** 1

догмати́зм *м* догматизм (*тарзи тафаккуреcт, ки ҳар гуна дониши навро маҳсули ё парвардаи ҳақиқати абадии азалист гуён тасдиқ мекунад*)

догма́тик *м* догматик, тарафдори догматизм

догма́тика *ж* догматика (*баёни догмаҳои ягон дин*)

догмати́ческ||ий, -ая, -ое 1. догматикӣ, ...и догматик; ~**ое мышле́ние** тафаккури догматикӣ 2. қатъӣ, раднашаванда, эътирознопазир; **отве́тить** ~**им то́ном** бо оҳанги қатъӣ ҷавоб гардондан

догмати́чность *ж* догматикӣ (схематикӣ) будан(и); ~ **изложе́ния** догматикӣ будани баёнот

догмати́чный, -ая, -ое (догматич|ен, -на, -но) 1. *см.* **догмати́ческий** 2; 2. догматикӣ, ғайриҳаётӣ, мавҳум, ғайриҳақиқӣ, схематикӣ; ~ **спо́соб изложе́ния** тарзи догматикии баёнот

догна́ть *сов. кого-что* 1. расидан, давида расидан, рафта расидан // *перен.* расида гирифтан, баробар шудан 2. ҳай карда расондан, ронда бурдан; ~ **ста́до до па́стбища** рамаро то ба чарогоҳ ронда бурдан

догнива́ть *несов. см.* **догни́ть**

догни́ть *сов.* тамоман (комилан) пусидан

догова́ривать *несов. см.* **договори́ть**

догова́риваться *несов.* 1. *см.* **договори́ться**; 2. *страд.* гуфта тамом карда шудан

догово́р *м* шартнома, аҳднома, муоҳида; **ми́рный** ~ муоҳидаи (шартномаи) сулҳ; ~ **о ненападе́нии** аҳдномаи ҳуҷум накардан; ~ **о дру́жбе и взаи́мной по́мощи** қарордод оид ба дустӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ; ~ **о неприменéнии си́лы** шартномаи (аҳдномаи) истифода накардани қувва; **заключи́ть** ~ шартнома бастан; **ратифици́ровать** ~ *шартномаро тасдиқ кардан*; **нару́шить** ~ шартномаро вайрон кардан; **расто́ргнуть** ~ шартномаро лағв (бекор) кардан

договорённост||ь *ж* созиш, аҳду паймон; **де́йствовать на осно́ве** ~**и** аз руи аҳду паймон амал кардан; **по** ~**и с ке́м-л.** аз руи гуфтугузор бо касе

договори́ть *сов. что и без доп.* то охир гуфтан, суханро ба охир расондан, гуфта тамом кардан; **дать** ~ **кому́-л.** ба касе барои гуфта тамом кардани суханаш имконият додан; **не** ~ суханро тамом накардан, забон хоидан

договори́||ться *сов.* 1. *о чём, насчёт чего и без доп.* аҳду паймон кардан; ба як қарор омадан; ~**ться о встре́че** маслиҳати мулоқотро кардан; **мы с ва́ми не** ~**лись** гапи (маслиҳати) мо напухт; **нам на́до с ва́ми** ~**ться** мову шумо бояд ба як қарор оем 2. гап зада-гап зада ба дараҷаи ифрот расидан; ~**ться до неле́постей** гап зада-гап зада ба сафсата даромадан; **во́т до чего́ ты** ~**лся!** ана оқибати гапат!

договорник *м разг.* коркуни ғайриштатӣ

договорн||ый, -ая, -ое шартномагӣ, ...и шартнома; ~**ое обяза́тельство** уҳдадории дар шартнома зикршуда; ~**ая цена́** нархи шартномагӣ; **на** ~**ых нача́лах** аз руи шартнома

догола́ *нареч. разг.* луб-луч, тамоман луч, бараҳна; **разде́ться** ~ либосро кашида тамоман луч шудан

догоня́лки *тк. мн. разг.* дордоракбозӣ, сурсуракбозӣ; **игра́ть в** ~ сурсуракбозӣ кардан

догоня́||ть *несов. см.* **догна́ть** ◇ ~**й ве́тра в по́ле** ёбу гир; ба ғирбол об мегирӣ

догора́ть *несов. см.* **догоре́ть**

догоре́||ть *сов.* 1. сухта тамом шудан, то охир сухтан; **свеча́** ~**ла** шамъ сухта тамом шуд; **костёр** ~**л** гулхан сухта тамом шуд 2. *перен. поэт.* нопадид (хомуш) шудан, фуру нишастан; **заря́** ~**ла** шафақ нопадид шуд; **за́рево зака́та** ~**ло** шафақи шом нопадид шуд

догреба́ть *несов. см.* **догрести́**

догрести́ *сов.* 1. бел зада расидан; ~ **до бе́рега** бел зада ба соҳил расидан 2. *что* ғундоштан, то охир **туда** кардан; ~ **се́но** хасбедаро то охир ғундоштан

догружа́ть *несов. см.* **догрузи́ть**

догрузи́ть *сов.* 1. *что* (*окончить погрузку*) бор карда тамом кардан, пурра бор кардан 2. *что, чего* (*добавить к грузу*) сарборӣ мондан, бар илова бор кардан, аз бор пур кардан; ~ **ба́ржу** баржаро аз бор пур кардан

догру́зка *ж* (*по знач. гл.* **догрузи́ть**) бор карда тамом кардан(и); сарборӣ мондан(и)

догрыза́ть *несов. см.* **догры́зть**

догры́з||ть *сов. что* хоида-хоида хӯрдан, хоида фуру бурдан; хоида пакқос хурдан; **соба́ка** ~**ла кость** саг устухонро хоида-хоида хурд; ~**ть суха́рь** *нони қоқро хоида-хоида хурдан*

догу́ливать(ся) *несов. см.* **догуля́ть(ся)**

догуля́ть *сов. что и без доп. разг.* боқимондаи вақтро (*мас. таътилро*) бо сайру гашт гузарондан

догуля́ться *сов. разг.* бисьёр сайру гашт карда ба ягон оқибати бад расидан, бекор гашта ба балое дучор шудан; **до просту́ды** аз сайру гашти бисьёр зуком шудан (шамол хурдан)

додава́ть *несов. см.* **дода́ть**

дода́ть *сов. что, чего* бақияи ягон чизро додан, дода адо кардан

дода́ча *ж разг.* 1. (*по знач. гл.* **дода́ть**) бақиядиҳӣ, дода адо кардан(и) 2. чизи бар илова додашуда

доде́лать *сов. что* буд кардан, [сохта] тамом кардан, ба охир расондан; ~**рабо́ту** корро ба охир расондан

доде́лк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **доде́лать**) будкунӣ, [сохта] тамомкунӣ 2. кори нотамом, нимкора; **оста́лись незначи́тельные** ~**и** андак кори нотамом монд

доде́лывание *с см.* **доде́лка** 1

доде́лывать *несов. см.* **доде́лать**

доде́лываться *несов. страд.* буд карда шудан

додержа́ть *сов. кого-что* [то вақти муайян] нигоҳ доштан; **сни́мок не вполне́ доде́ржан** сурати фотографӣ хира баромадааст

додержа́ться *сов.* [то вақти муайян] истодагӣ кардан, поистан

доде́рживать *несов. см.* **додержа́ть**

доде́рживаться *несов.* 1. *см* **додержа́ться**; 2. *страд.* [то вақти муайян] нигоҳ дошта шудан

додира́ть *несов. см.* **додра́ть**

доднесь *нареч. уст.* (*до сего дня*) то ба имруз

додра́ть *сов. что прост.* (*износить совсем*) то даридана (фит шудана) пушидан, пушида куҳна кардан

доду́мать *сов. что* фикр карда баромадан, то охир фикр кардан; **он так**

и не мог ~ мысль до конца вай то охир фикр карда натавонист

додуматься *сов.* фикр карда ёфтан, дуру дароз фикр карда ба қароре омадан; **как ты мог ~ до этого?** ақлат ба ин чӣ хел расид?

додумывать *несов. см.* **додумать**

додумываться *несов.* 1. *см.* **додуматься**; 2. *страд.* то охир фикр карда шудан

доедать *несов. см.* **доесть**

доедаться *несов. страд.* то охир хӯрда шудан

доездиться *сов. разг.* аз саворагардии бисьёр ба фалокате дучор шудан

доезжать *несов. см.* **доехать**

доезжачий *м (старший псарь)* сагбони калон

доение *с (по знач. гл.* **доить** 1) дӯшидан(и), ›дӯшӣ; **машинное ~** бо мошин гов душидан(и), говдӯшии бо мошин

доесть *сов. что* хӯрда тамом кардан, то охир хӯрдан; **~ хлеб** нонро хӯрда тамом кардан

доехать *сов.* рафта расидан, омада расидан, расидан *(савора)*; **~ до места назначения** ба ҷои муқарраршуда рафта расидан

дож *м* дож *(унвони сардори республика дар Венеция ва Генуя то охири асри 18)*; **Дворец ~ей** Қасри дожҳо

дожаривание *с (по знач. гл.* **дожарить**) [хуб] зирбондан(и), хуб бирьён кардан(и)

дожаривать *несов. см.* **дожарить**

дожариваться *несов.* 1. *см.* **дожариться**; 2. *страд.* [хуб] зирбонда (бирьён карда) шудан

дожарить *сов. что* [хуб] зирбондан, хуб бирьён кардан; **~ котлеты** котлетро хуб бирьён кардан

дожари||ться *сов.* [хуб] зирбндан, хуб бирьён шудан; **жаркое ~лось** кабоб хуб бирьён шуд

дожать I *сов. что (окончить жатву)* даравида тамом кардан, тоза (то охир) даравидан; **~ оставшуюся пшеницу** гандуми боқимондаро даравида тамом кардан

дожать II *сов. что (окончить давить)* фушурда тамом кардан, тамом фушурдан

дождаться *сов. кого-чего* 1. мунтазир шудан, нигоҳ карда истодан, расидан; **~ лета** ба тобистон расидан; **он не дождался конца спектакля** у то охири спектакль наистод; **вы меня дождётесь?** шумо то омадани ман нигоҳ карда меистед? 2. *(2 и 3 л. ед. и мн.— в знач. угрозы)* танбеҳ додан, боб кардан; **дождёшься ты у меня!** ман танбеҳатро медиҳам! ◇ **ждать не ~** чашм дар роҳ будан; **ждём не дождёмся** аз интизорӣ тоқатамон тоқ шуд

дождевальн||ый, -ая, -ое ...и обпошӣ; **~ая установка** обпошак

дождевание *с* обпошӣ

дождевик *м* 1. *разг.* плащ, боронӣ; **~ с капюшоном** боронии кулоҳдор 2. *бот.* қорчи (занбуруғи) боронӣ

дождев||ой, -ая, -ое боронӣ, ...и борон; **~ая вода** оби борон; **~ая туча** абри боронӣ; **~ая куртка** нимтанаи боронӣ; **~ой плащ** ҷомаи боронӣ ◇ **~ой гриб** *см.* **дождевик** 2; **~ой червь** лойхӯрак

дождемер *м* боронсанҷ *(асбоб барои санҷидани миқдори боришот)*

дождик *м уменьш. к* **дождь** 1 борони сим-сим, резаборон

дождинка *ж разг.* қатраи борон

дожди||ть *несов. безл. разг.* борон боридан, боридан; **весь день ~т** рузи дароз борон меборад; **с утра ~т** аз пагоҳӣ инҷониб борои борида истодааст

дождич||ек *м уменьш.-ласк. к* **дождь** 1 борони тезгузар ◇ **после ~ка в четверг** *прост.* рӯзи ҳафтшанбе; аз қоки нав

дождливость *ж* сербоpонӣ, боронгарӣ, серборищ будан(и)

дождлив||ый, -ая, -ое (дождлив, -а, -о) серборон, серборищ, боронӣ; **~ый день** рузи серборон; **~ое лето** тобистони серборищ

дожд||ь *м* 1. *прям., перен.* борон; **мелкий ~ь** шувот, резаборон; **проливной ~ь** борони сел; **частые ~и** сербоpонӣ, борони дам ба дам; **~ь идёт** борон меборад; **~ь льёт как из ведра** борони сел зада истодааст; **~ь пуль** борони тир; **~ь искр** шарорaборӣ; **~ь упрёков** борони таънаву сарзанишҳо, гилаву таънаборон; **~ь вопросов** саволборон 2. *в знач. нареч.* **дождём** борон барин, боронвор, бисьёр, фаровон; **пули сыпались ~ём** тирҳо борон барин мерехтанд 3. *(украшение)* риштаҳои ялаққосӣ; **ёлка обвита золотым ~ём** арча бо риштаҳои ялаққосӣ ороста шуда буд ◇ **грибной ~ь** борони гургакон; **золотой ~ь** давлати (сарвати) бодовард *(пули калони ногаҳон ба даст даромада)*

дожевать *сов. что разг.* хоида тамом кардан (хурдан), то охир хоидан; **~ кусок мяса** порчаи гуштро хоида тамом хурдан

дожёвывать *несов. см.* **дожевать**

дожечь *сов. что* сӯхтан, сузондан, то охир сӯхтан (сӯзондан), сухта (сӯзонда) тамом кардан; **~ остаток дров** ҳезуми боқимондаро сухта тамом кардан; **~ свечу до половины** шамъро то нисф сухтан

доживать *несов.* 1. *см.* **дожить**; 2. *что (в сочет. со словами «жизнь», «годы», «век» и т. п.)* умрро ба поён расондан, умр ба сар шудан; **~ последние минуты** дар дами охирини умр будан; **~ свой век на чужбине** поёни умрро дар ғарибӣ гузарондан

дожигать *несов. см.* **дожечь**

дожидаться *несов. см.* **дождаться**

дожимать *несов. см.* **дожать** II

дожинать *несов. см.* **дожать** I

дожинки *мн. обл.* охири дарав, иди дарав

дожитие *с* бақияи умр; **страхование жизни на ~** суғуртаи бақияи умр

дожить *сов.* 1. *до чего* зинда мондан, умр дидан, то ҳадди муайяни умр расидан; **~ до глубокой старости** умри дароз дида пири кухансол шудан, умри бобарака дидан, то куҳулат зинда мондан 2. расидан, афтодан, **до чего я дожил!** ба чӣ ҳол афтодам!, ин чӣ рузест! 3. *что разг.* гузарондан; **~ лето на даче** тобистонро дар боғот гузарондан 4. *что разг.* харҷ (сарф) кардан; **~ последние деньги** буду шуди пулро сарф кардан ◇ **~ до седых волос (до седин)** муйсафед шудан

доз||а *ж* 1. воя, як хурданӣ; **уменьшить ~у лекарства** вояи доруро кам кардан 2. *перен.* миқдор; **лошадиная ~а** миқдори хеле зиёд

дозатор *м* дозатор *(асбобе, ки миқдори таъиншудаи моддаеро чен карда медиҳад. Дар чуянгудозӣ, саноати хӯрокворӣ ва химия ба кор меравад)*

дозваниваться *несов. см.* **дозвониться**

дозва||ться *сов. кого* чеғ зада фарьёд кардан, чеғ зада баровардан; **никого не дозовёшься** ҳеҷ кас ба чеғ ҷавоб намедиҳад; **я еле его ~лся** ман уро ба зӯр чеғ зада баровардам

дозволени||е *с уст.* иҷозат, рухсат, изн; **с чьего-л. ~я** бо рухсати касе

дозволенн||ый, -ая, -ое (дозволен, -а, -о) 1. *прич.* иҷозат (рухсат, изн) додашуда 2. *прил.* ҷоиз, раво; **~ые приёмы борьбы** тарзҳои ҷоизи гуштингирӣ

дозволительный, -ая, -ое (дозволите|лен, -льна, -льно) *уст.* ҷоиз, раво

дозволить *сов. что уст.* иҷозат (рухсат, изн) додан

дозволять *несов. см.* **дозволить**

дозволяться *несов. страд.* иҷозат (рухсат, изн) дода шудан

дозвони||ться *сов.* телефон карда ҷавоб шунавидан; **я едва ~лся к нему** ман ба зур телефон карда бо у гапзанон кардам; **к тебе не ~шься** ба ту ҳеҷ телефон карда намешавад

дозимовать *сов.* зимистонро дар ягон ҷо гузарондан

дозирование *с (по знач. гл.* **дозировать**) ба вояҳо тақсим кардан(и)

дозировать *сов., несов. что* ба вояҳо тақсим кардан; **~ лекарство** доруро ба вояҳо тақсим кардан

дозироваться *несов. страд.* ба вояҳо тақсим карда шудан

дозировка *ж* воямуайянкунӣ, ба вояҳо тақсим кардан(и); **неправильная ~** воямуайянкунии нодуруст

дознаваться *несов. см.* **дознаться**

дознание *с юр.* тафтиши пешакӣ, таҳқиқ, пурсуҷуй; **произвести ~** пешакӣ тафтиш кардан

дознаться *сов. разг.* тафтиш карда фаҳмидан, таҳқиқ (пурсуҷӯй) карда донистан

дозор *м* 1. *воен.* дозор, пешқаровул, талоя; **головной ~** дозори пешрав; **выслать ~** дозор (пешқаровул) фиристодан; **проверять ~** дозорро дида баромадан 2. дидбонӣ, азназаргузаронӣ; **быть (находиться) в ~е** пешқаровулӣ кардан; **обходить (объезжать) ~ом** *уст.* чарх зада аз назар гузарондан

дозорн||ый, -ая, -ое 1. ...и дидбонӣ, ...и талоя; **~ое судно** киштии дидбонӣ

2. *в знач. сущ.* дозо́рный *м* дидбон, пешқаровул; выслать ~ых пешқаровул фиристодан, талоя роҳӣ кардан

дозрева́ние *с (по знач. гл.* дозре́ть) пухтан(и), расиш, пухта расидан(и); ~ плодо́в пухта расидани мева; ~ пшени́цы пухта расидани гандум

дозрева́ть *несов. см.* дозре́ть

дозре́л||ый, -ая, -ое пухтагӣ, расида, пухта расида; ~ые плоды́ меваҳои пухта расида

дозре́||ть *сов.* пухтан, расидан, пухта расидан; виногра́ду ну́жно ещё ~ть ангур ҳоло бояд пухта расад; рожь совсе́м уже́ ~ла ҷавдор тамоман пухта расидааст

доигра́ть *сов. что* бозиро тамом кардан, то охир бозӣ кардан; ~ пье́су пьесаро то охир бозӣ кардан; ~ па́ртию в ша́хматы пайти бозии шоҳмотро тамом кардан

доигра́||ться *сов. разг.* 1. бозӣ карда-бозӣ карда (бозикунон) ба ҳолате расидан; де́ти ~лись до ссо́ры охири бозии бачаҳо ҷанҷол шуд, бозиҳои бачагон охир бо ҷанҷол анҷомид 2. *перен.* беэҳтиётӣ карда ба нохушӣ дучор шудан; вот и ~лся! ҷазоят ҳамин!; ты ~ешься! хушьёр бош, ҷазоятро мебинӣ!

доигрыва́ние *с (по знач. гл.* доигра́ть) тамом кардани бозӣ; ~ неоко́нченных па́ртий бозиҳои нотамомро ба охир расондан

доигрыва́ть *несов. см.* доигра́ть

доигрыва́ться *несов.* 1. *см.* доигра́ться; 2. *страд.* то охир бозӣ карда шудан

доизбра́ть *сов. кого-что* бар илова интихоб кардан

до́йльник *м* говдуша, хурмаи говдӯшӣ; электри́ческий ~ говдушаи электрикӣ

до́йльн||ый, -ая, -ое ...и говдушӣ; ~ая маши́на мошини говдӯшӣ

до́йльщица *ж* [зани] говдуш

доиска́ться *сов. разг.* 1. *кого-чего* ҷустуҷӯй (кофтуков) карда ёфтан, кофта ёфтан; вас не та́к-то про́сто ~ шуморо ёфтан чандон осон нест 2. дарьёфтан, фаҳмидан; ~ и́стины (пра́вды) ҳақиқатро дарьёфтан

дои́скиваться *несов.* 1. *см.* доиска́ться; 2. *(стараться разузнать)* барои фаҳмидан кушиш кардан

доистори́ческ||ий, -ая, -ое ...и пеш аз таърих, хеле қадим; ~ие времена́ замонҳои хеле қадим

до́ить *несов.* 1. *кого-что* душидан; ~ коро́ву гов душидан 2. *прост. (давать молоко)* шир додан

до́иться *несов.* 1. шир додан; коро́ва пло́хо до́ится гов кам шир медиҳад 2. *страд.* душида шудан

до́йка *ж (по знач. гл.* до́ить 1) шир-душӣ, душиш, дӯшидан(и); механи́ческая ~ дӯшиши (ширдӯшии) механикӣ

до́йна *ж* дойна *(суруди халқии Молдавия ва Румыния)*

дойни́к *м (подойник)* хурмаи говдӯшӣ

дойни́ца *ж обл. см.* дойни́к

до́йн||ый, -ая, -ое дӯшоӣ; ~ая коза́ бузи душоӣ ◇ ~ая коро́ва *ирон.* гови душоӣ, манбаи даромад

до́йра *ж муз.* дойра

дойти́ *сов.* 1. расидан, рафта расидан, омада расидан; ~ до́ дому пешко́м то хона пиёда рафта расидан; ~ до ста́нции то станция [рафта] расидан; парохо́д дошёл до о́строва пароход то ҷазира рафта расид; письмо́ дошло́ бы́стро мактуб тез расид; до нас дошла́ то́лько часть дре́вней ру́кописи то давраи мо фақат як қисми дастнависи қадим омада расидааст 2. *(о звуках, запахах и т. п.)* расидан, ба гӯш расидан; ба машом расидан; звук вы́стрела дошёл до его́ слу́ха садои тир ба гуши у расид; до меня́ дошла́ весть, что... ба ман хабар расид, ки...; дошли́ слу́хи о его́ прие́зде хабари омадани у расид 3. *разг.* фаҳмо будан; ле́кция дошла́ до слу́шателей маъруза барои шунавандагон фаҳмо буд; его́ му́зыка не дохо́дит до слу́шателя мусиқии у ба шунавандагон фаҳмо нест 4. *(достигнуть какой-л. степени, какого-л. размера)* расидаи; счёт дошёл до ты́сячи рубле́й ҳисоб ба ҳазор сум расид; ~ до колосса́льных разме́ров бисьёр калон шуда рафтан 5. *разг. (додуматься)* фикр карда ёфтан; он до всего́ дошёл свои́м [со́бственным] умо́м бо фаросати худ фаҳмида гирифт, ақлаш ба ҳама кор расид 6. афтидан, расидан, шудан, гардидан; ~ до отча́яния ноумед шудан, маъюс гардидан; ~ до слёз оби дида рехтан, гирья кардан; ~ до того́ (до тако́й сте́пени), что... то ба дараҷае расидан, ки... ∥ *безл. и в сочет.:* де́ло дойдёт (дошло́) до... *кого-чего* кор ба ..оид шуд (мешавад): он ника́к не ду́мал, что де́ло дойдёт до э́того у ҳеҷ гумон надошт, ки кор ба ин дараҷа мерасад 7. *разг. (о кушаньях)* пухтан, тайёр шудан; пиро́г дошёл пирог пухт ∥ *(дозреть)* пухтан, пухта расидан; помидо́ры дошли́ помидор пухта расид ◇ ~ до бе́лого кале́ния бадқаҳр (сахт оташин) шудан; ~ до то́чки ба вазъияти ниҳоят вазнин расидан

док *м* док *(иншооти таъмири киштиҳо)*; плаву́чий ~ доки шиновар

до́ка *м разг.* усто, мумтоз, кордон; он в э́том ~ вай ба ин кор усто, вай ба ин кор устухон надорад

доказа́тельный, -ая, -ое (доказа́те|лен, -льна, -льно) қонеъкунанда, собиткунанда, исботкунанда, эътимодбахш; ~ приме́р мисоли эътимодбахш

доказа́тельств||о *с* 1. исбот, далел; приводи́ть ~а далел овардан, исбот кардан; в ~о барои исбот 2. *мат.* исбот, роҳи исбот; теоре́ма име́ет не́сколько доказа́тельств теорема чандин роҳи исбот дорад ◇ веще́ственное ~о *юр.* далели шайъӣ

доказа́ть *сов.* 1. *что* исбот (собит) кардан; ~ теоре́му теоремаро исбот кардан; что и тре́бовалось ~ маҳз хаминро исбот кардан лозим буд; ~ свою́ невино́вность бегуноҳии худро исбот кардан 2. *на кого прост. (донести)* маълумот додан, хабар кашидан *(аз болои касе)*

доказу́емость *ж* исботпазирӣ, исботшавандагӣ; ~ теоре́мы исботпазирии теорема

доказу́ем||ый, -ая, -ое (доказу́ем, -а, -о) исботпазир, исботшаванда, собитшаванда; ~ое положе́ние ақидаи исботшаванда

дока́зчик *м уст. и прост. (доносчик)* хабаркаш

дока́зчица *женск. к* дока́зчик

дока́зывание *с (по знач. гл.* доказа́ть) исбот, исбот (собит) кардан(и)

дока́зывать *несов. см.* доказа́ть

дока́ливать *несов. см.* докали́ть

дока́ливаться *несов.* 1. *см.* докали́ться; 2. *страд.* тафсонда сурх карда шудан

докали́ть *сов. что* тамом обутоб додан, расо сурх кардан, тафсонда сурх кардан; ~ сталь пулодро тамом обутоб додан

докали́ться *сов.* пурра обутоб дода шудан, расо сурх гардидан

дока́лывать *несов. см.* доколо́ть

дока́лываться *несов. страд.* тамом шикаста шудан, кафонда тамом карда шудан

дока́нчивать *несов. см.* доко́нчить

дока́нчиваться *несов. страд.* тамом карда шудан, ба охир расонда шудан

докапиталисти́ческ||ий, -ая, -ое токапиталистӣ; ...и то давраи капитализм; ~ое о́бщество ҷамъияти токапиталистӣ; ~ие форма́ции формацияҳои токапиталистӣ

дока́пывать *несов. см.* докопа́ть

дока́пываться *несов.* 1. *см.* докопа́ться; 2. *страд.* канда (кофта) шудан

дока́рмливать *несов. см.* докорми́ть

дока́рмливаться *несов. страд.* хуронда шудан

доката́ться *сов. разг.* бисьёр сайру гашт карда ба ҳолати ногуворе гирифтор шудан; ~ до просту́ды аз сайру гашти бисьёр шамол кашидан (зуком шудан)

докати́||ть *сов.* 1. *что* ғелондан, ғелонда бурдан; ~ть бо́чку до сара́я бочкаро то анбор ғелонда бурдан 2. *разг. (быстро доехать)* зуд расидан, рафта (омада) расидан *(бо мошин, поезд ва ғ.)*; они́ в полчаса́ ~ли до ме́ста онҳо дар ним соат ба манзил омада расиданд

докати́||ться *сов.* 1. ғелида расидан (рафтан); мяч ~лся до забо́ра тӯб то ба тавора ғелида рафт; волна́ ~лась до бе́рега мавҷ то канори дарьё рафта расид 2. *(донестись — о звуках)* ба гуш расидан; издалека́ ~лся гро́хот ору́дий аз дур гулдурроси тӯп ба гуш расид 3. *перен. прост.* паст (вайрон) шудан; вот до чего́ он ~лся! ӯ ба ҳамин аҳвол гирифтор шуд!, у ба чунин вартаи пастӣ афтид!

дока́тывать *несов. см.* докати́ть

дока́тываться *несов.* 1. *см.* дока-

та́ться *и* **докати́ться**; 2. ғелонда шудан, ғелонда бурда шудан

дока́шивать *несов. см.* **докоси́ть**

дока́шиваться *несов. страд.* даравида шудан

до́кер *м* хаммоли (боркаши) бандар, докар; **забастовка ~ов** корпартоии хаммолони бандар

докида́ть *сов. что* андохта (партофта, ҳаво дода) тамом кардан; ~ **снег с кры́ши** барфро аз бом партофта тамом кардан

доки́дывать *несов. см.* **доки́нуть**

доки́нуть *сов. что* ҳаво дода расондан, то ҷое андохтан; ~ **ка́мень до забо́ра** сангро ҳаво дода ба девор расондан

докипа́ть *несов. см.* **докипе́ть**

докипе́ть *сов. разг.* ҷушида пухтан (расондан)

докла́д *м* 1. маъру́за; **отчётный ~** маърузаи ҳисоботӣ; **нау́чный ~** маърузаи илмӣ; **пре́ния по ~у** музокира аз руи маъруза 2. арз, гузориш; **идти́ с ~ом** бо арз рафтан ◇ **без ~а не входи́ть** бе пурсиш даромадан манъ аст

докладн||**о́й**, -а́я, -о́е 1. ...и арз, ...и баёнот; **~а́я запи́ска** гузоришнома, арзнома 2. *в знач. сущ.* **докладна́я** *ж* арзнома; **пода́ть ~у́ю дире́ктору** ба директор арзнома додан

докла́дчик *м* маърузачи

докла́дчица *женск. к* **докла́дчик**

докла́дывать I, II *несов. см.* **доложи́ть** *I, II*

докла́дываться I *несов. см.* **доложи́ться**

докла́дываться II *несов. страд.* илова карда шудан

докла́ссов||**ый**, -ая, -ое пешазсинфӣ, тосинфӣ; **~ое о́бщество** ҷамъияти тосинфӣ

доклева́||**ть** *сов. что* чида хурда тамом кардан, тамом (то охир) чида хурдан; **ку́ры ~ли корм** мурғон донро хурда тамом карданд

доклёвывать *несов. см.* **доклевать**

доклеивать *несов. см.* **докле́ить**

докле́ить *сов. что* часпонда тамом кардан, то охир часпондан

докли́каться *сов. кого прост.* (*дозваться*) то шунидани касе чеғ задан, чеғ зада шунавондан

докова́ть *сов. кого-что* ҳаддодӣ карда шудан, наъл зада шудан; ~ **ло́шадь** аспро наъл зада шудан

доко́вывать *несов. см.* **докова́ть**

до́ков||**ый**, -ая, -ое ...и док; **~ые ра-бо́чие** коргарони док; **~ые сооруже́ния** иншооти док; **~ый ремо́нт** таъмири док (дар док кардашаванда)

доковыля́||**ть** *сов. разг.* лангон-лангон (калавида-калавида, калавон-калавон) рафта расидан; **он е́ле ~л до́ дому** у ба зур лангон-лангон (калавон-калавон) ба хона расид

доко́ле *нареч. уст.* 1. *вопр.* (*до каких пор*) то [ба] кай, то чанд; ~ **я бу́ду ждать?** то кай ман интизор шавам? 2. *относ.* (*пока*) то он вакте ки..., то даме ки...

доколо́ть *сов. разг.* 1. *что* шикаста тамом кардан, тамоман шикастан, кафонда тамом кардан; ~ **дрова́** ҳезумро кафонда тамом кардан 2. *кого* (*добить*) найза зада куштан, куштан

доко́ль *нареч. см.* **доко́ле**

докона́ть *сов. кого-что разг.* куштан, талаф кардан, нобуд кардан

доко́нчить *сов. что* тамом кардан, ба анҷом (ба охир, ба поён, ба итмом) расондан; ~ **рабо́ту** корро ба охир расондан; ~ **свою мысль** фикри худро тамом кардан (гуфта шудан)

докопа́ть *сов. что* кандан, кофтан, кофта тамом кардан, то охир кофтан, канда тамом кардан; ~ **ров** хандақро кофта тамом кардан; ~ **яму до середи́ны** чуқуриро то нисфаш кандан

докопа́ться *сов.* 1. кофта-кофта расидан, канда ёфтан; ~ **до воды** кофта-кофта ба об расидан, то баромадани об кандан 2. *перен. прост.* кофтуков карда ёфтан, пурсуҷуй карда донистан (фаҳмида гирифтан); тафтиш карда ёфтан; ~ **до су́ти де́ла** кофтуков карда таги гапро фаҳмидан; ~ **до и́стинной причи́ны** тафтиш карда сабаби аслиро ёфтан

докопти́ть *сов. что* дуд дода тамом кардан, то охир дуд додан, дуддиҳиро тамом кардан; ~ **оста́вшуюся ры́бу** моҳии боқимондаро дуд дода тамом кардан

докорми́ть *сов. кого* хӯронда (хӯрок хуронда) шудан; ~ **ребёнка** ба бача хурок хуронда шудан

докоси́ть *сов. что* даравидан, дарав кардан, даравро тамом кардан, даравида тамом кардан; ~ **луг** алафзорро даравида тамом кардан; ~ **пшени́цу** гандумро даравида тамом кардан; ~ **до кана́вы** то сари ҷуй дарав кардан

докра́ивать *несов. см.* **докрои́ть**

докра́сить *сов. что* ранг кардан, ранг карда тамом кардан, тамоман ранг кардан, ранг карда шудан; ~ **пол** поли хонаро ранг карда шудан; ~ **сте́ну до середи́ны** деворро то нисфаш ранг кардан

до́красна *нареч.* то сурхшавӣ, то суп-сурх шудан; **растере́ть ко́жу** ~ пустро то сурхшавиаш молидан (соиш додан); **натере́ть щёки** ~ рухсорро то суп-сурх шудан молидан; **накали́ть** ~ тафсонда суп-сурх кардан

докра́шивать *несов. см.* **докра́сить**

докрич||**а́ться** *сов. разг.* 1. *кого* чеғ зада-чеғ зада (фарьёд карда) шунавондан (расондан), додгуён шунавондан; **никого́ не ~и́шься** ҳеҷ кас ба чеғ ҷавоб намедиҳад 2. бисьёр чеғ зада (фарьёд карда) ба холате гирифтор шудан; **~а́ться до хрипоты** бисьёр фарьёд карда хиррӣ шудан, бисьёр дод гуфта овозро гирондан

докрои́ть *сов. что* буридан, бурида шудан (тамом кардан); ~ **пла́тье** либосро бурида шудан

докрути́ть *сов. что разг.* тофтан, то охир тофтан, тамом тофтан (тоб додан); ~ **ни́тки** ресмонро то охир тоб додан; ~ **га́йку до полови́ны** гайкаро то нисфаш тофтан

докрути́ться *сов.* 1. тоб хурдан, тофта шудан 2. *перен. прост.* ба холати ногуворе афтодан

докру́чивать *несов. разг. см.* **докрути́ть**

докру́чиваться *несов. разг.* 1. *см.* **докрутиться**; 2. *страд.* то охир тофта шудан

докрыва́ть несов. см. **докры́ть**

докры́ть *сов. что* пушонда тамом кардан, то охир пӯшондан; ~ **кры́шу** бомро пушонда тамом кардан

до́ктор *м* 1. *разг.* духтур, табиб; **позва́ть ~а к больно́му** духтурро ба назди бемор чеғ задан 2. доктор; ~ **медици́нских нау́к** доктори илми тиб(б); ~ **истори́ческих нау́к** доктори илми таърих

доктора́льный, -ая, -ое (доктора́|лен, -льна, -льно) *книжн.* (*поучающий*) насиҳатомез, пандомез; қатъӣ, эътирознопазир; ~ **тон** оҳанги насиҳатомез

доктора́нт *м* докторант (*олиме, ки барои ҳимояи диссертацияи докторӣ тайёрӣ мебинад*)

доктора́нтский, -ая, -ое докторантӣ, ...и докторант

докторанту́ра *ж* докторантура (*системаи тайёр кардани докторҳои илм*)

до́кторск||**ий**, -ая, -ое 1. духтури, ...и духтур; **~ий хала́т** *разг.* хилъати духтур 2. доктори, ...и доктор; **~ая диссерта́ция** диссертацияи доктори; **получи́ть ~ую сте́пень** унвони докторӣ гирифтан

до́кторство *с* доктори, унвони докторӣ

до́кторша *ж прост.* 1. *женск. к* **до́ктор** 1; 2. (*жена врача*) зани духтур

докт́рина *ж* доктрина (*таълимот, ақоид, назарияи илмӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, ки асоси фаъолияти сиёсиро ташкил медиҳад*)

доктринёр *м* (*начётчик*) доктринёр, оинпараст (*касе, ки куркурона ба ягон таълимот пайравӣ мекунад*)

доктринёрский, -ая, -ое доктринёрӣ, оинпарастӣ, ...и доктринёр, ...и оинпараст

доктринёрство *с* доктринёрӣ, оинпарастӣ

доку́да *нареч. прост.* 1. *вопр.* то куҷо, то кадом ҷой; то [ба] кай, то; ~ **нам идти́?** то куҷо меравем? 2. *относ.* то ҷое ки..., то ба ҷое ки...

доку́ка *ж уст. прост.* 1. (*надоедливая просьба*) безоркунӣ, чаққашавӣ, баҷонрасонӣ, шилқиншавӣ 2. (*беспокойство*) ташвишдиҳӣ, нороҳат кардан(и), бесаранҷом кардан(и)

докуме́нт *м в разн. знач.* ҳуҷҷат, санад; **де́нежный** ~ ҳуҷҷати пул; **предъяви́ть ~ы** ҳуҷҷат нишон додан; **~ы сле́дствия** ҳуҷҷатҳои тафтиш; **истори́ческие ~ы** санадҳои таърих

документа́льно *нареч.* бо ҳуҷҷат, дар асоси ҳуҷҷат; ~ **доказа́ть что́-л.** чизеро бо ҳуҷҷат исбот кардан

документа́льность *ж* ҳуҷҷатнокӣ, санаддорӣ, ҳуҷҷатӣ будан(и)

документа́льн||**ый**, -ая, -ое ҳуҷҷатӣ, санадӣ; **~ые да́нные** маълумоти ҳуҷҷа-

тӣ (санаддор); **~ый материал** материалҳои ҳуҷҷатӣ; **~ая точность** саҳеҳии комил; **~ый фильм** фильми ҳуҷҷатӣ (воқеӣ)

документаци||я *ж* 1. *(по знач. гл.* **документировать)** ҳуҷҷатнок кардан(и), бо ҳуҷҷат (бо санад) асоснок кардан(и) 2. *собир.* ҳуҷҷатҳо; **техническая ~я** ҳуҷҷатҳои техникӣ; **подготовить ~ю** ҳуҷҷатҳоро тайёр кардан

документирование *с см.* **документация** 1

документировать *сов., несов. что* ҳуҷҷатнок кардан, бо ҳуҷҷат (бо санад) асоснок кардан

документироваться *несов. страд.* ҳуҷҷатнок карда шудан

докупать I *несов. см.* **докупить**

докупать II *сов. кого* 1. *(кончить купать)* оббозидориро тамом кардан; **~ ребёнка** оббозидории бачаро тамом кардан 2. оббозӣ кунонда (доронда) шудан, ба ҳолате гирифтор кардан; **~ до простуды** оббозӣ кунонда шамол хурондан

докупаться *сов.* 1. оббозӣ кардан, оббозӣ карда шудан; **~ до темноты** то қариби торикӣ фаромадан оббозӣ кардан 2. бисьёр оббозӣ карда ба ҳолате гирифтор шудан; **~ до простуды** бисьёр оббозӣ карда зуком шудан

докупить *сов. что, чего* боз (бар илова) харидан; **~ метр шёлка** боз як метр шоҳӣ харидан

докуривать *несов. см.* **докурить**

докуриваться *несов.* 1. *см.* **докуриться**; 2. *страд.* кашида тамом карда шудан

докурить *сов. что* кашидан, кашида тамом кардан, то охир кашидан; **~ папиросу** папиросро кашида тамом кардан

докуриться *сов.* 1. *(потухнуть)* хомуш шудан 2. *разг.* бисьёр тамоку кашида ба ҳолате гирифтор шудан; **~ до головной боли** аз тамокукашии бисьёр дарди сар шудан

докучать *несов. кому чем разг.* безор кардан, ба ҷон расондан, шилқин шудан; **~ просьбами** бисьёр хоҳишу илтимос карда ба ҷон расондан

докучливо *нареч. разг.* ба тарзи безоркунанда, шилқинона

докучливость *ж разг.* безоркунандагӣ, шилқинӣ

докучливый, -ая, -ое (докучлив, -а, -о) *разг.* безоркунанда, ба ҷон расонанда, шилқин; **~ человек** одами шилқин

докучный, -ая, -ое (докуч|ен, -на, -но) *уст.* безоркунанда, ба ҷон расонанда, шилқин; дилтангкунанда, зиққкунанда

докушать *сов. что прост.* хурда тамом кардан, покиза хурдан, то охир хӯрдан, хурда шудан

докушивать *несов. см.* **докушать**

дол *м уст. поэт.* дашт ◇ **за горами, за ~ами** *фольк.* паси (он тарафи) кӯҳу дашт; **по горам, по ~ам** *фольк.* дар кӯҳу дар дашт; дар кӯҳу ҳомун

доламывать *несов. см.* **доломать**

доламываться *несов.* 1. *см.* **доломаться**; 2. *страд.* то охир шикаста шудан

долбануть *сов. однокр. кого-что* сахт (якбора) задан, фуроварда задан

долбёж *м см.* **долбёжка**

долбёжка *ж (по знач. гл.* **долбить** 3, 4) бисьёр такрор кардан(и); ҳиҷҷа кардан(и), тутивор аз ёд кардан(и)

долбёжный, -ая, -ое ...и [зада] сурохкунӣ; **~ станок** дастгоҳи сурохкунӣ

долбить *несов. что* 1. [зада] сурох кардан; **~ лёд** яхро сурох кардан; **~ долотом** бо искана сурох кардан; **дятел долбит клювом дерево** эзорсурхак нул зада дарахтро сурох мекунад 2. ковок (кома) кардан; **~ ульи** кундаро кома карда занбурхона сохтан 3. *разг.* куфтан; **~ кулаком дверь** дарро бо мушт куфтан // *(из орудий)* задан 4. *прост.* бисьёр такрор кардан, сад бор гуфтан; **сколько ему ни долби — не понимает** сад бор гуй ҳам, намефаҳмад 5. *прост. (зубрить)* ҳиҷҷа кардан, тутивор аз ёд кардан, маъниашро нафаҳмида ҳифз кардан

долбление *с (по знач. гл.* **долбить** I, 2) [зада] сурох кардан(и); ковок (кома) кардан(и)

долблённый *прич.* (долбл|ён, -ена, -ено) [зада] сурох кардашуда

долблён||ый, -ая, -ое канда чуқур кардашуда, кома кардашуда; **~ая лодка** *см.* **долблёнка** 2

долблёнка *ж обл.* 1. *(сосуд)* зарфи чубин 2. *(лодка)* завраҷи ғулачубӣ

долг *м* 1. вазифа, вазифадорӣ; уҳдадорӣ; **патриотический ~** вазифаи ватанпарварӣ; **исполнить гражданский ~** вазифаи гражданиро ба ҷо овардан; **чувство ~а** амри виҷдон; **считать своим ~ом** вазифаи худ донистан; **по ~у дружбы** аз руи дустӣ; **по ~у службы** аз руи вазифа; **~ гостеприимства** қоидаи (расми) меҳмоннавозӣ; **человек (люди) ~а** шахси масъулиятшинос, одамони вазифашинос; **оказаться (быть) в ~у** *у кого* вазифадор (миннатдор) будан 2. қарз, дайн; **взять в ~** қарз гирифтан (бардоштан, кардан); **дать в ~** қарз додан; **расплатиться с ~ами** қарзҳоро пардохтан; **погасить ~** қарзро адо кардан ◇ **в ~у как в шелку** *погов.* то гуш ба қарз ғутида; **верить в ~** қарз додан; **войти (влезть, залезть) в ~и (в ~)** ба қарз ғутидан; **жить в ~** қарз гирифта руз гузаронидан; **по уши (по горло) в ~ах быть (сидеть)** *прост.* ба қарз ғутидан, ба таги қарз мондан; **покупать в ~** ба насия харидан; **первым ~ом** пеш аз ҳама, дар навбати аввал; **не остаться в ~у перед кем-л.** подоши касеро додан; **отдать последний ~ кому-л.** бо мурда видоъ кардан; **~ платежом красен** *посл.* ≈ некӣ ба некӣ, подоши некӣ некист

долг||ий, -ая, -ое (дол|ог, -га, -го) 1. дур, дароз, дуру дароз, тулонӣ, давомнок, кашол; **~ие годы** солҳои дароз; **~ая жизнь** умри дароз; **~ое ожидание** интизории дуру дароз; **~ий путь** роҳи дур; **~ая зима** зимистони дуру дароз // *уст. (протяжный, медленный)* кашол, оҳиста 2. *уст. прост. (длинный)* дароз; **кони с ~ой гривой** аспҳои ёлдароз 3. *лингв.* дароз, мадид; **~ий гласный** садоноки дароз ◇ **~ая песня** ин кори бепоён аст; ин кори дилбазан аст; **откладывать в ~ий ящик** ба таъхир андохтан *(ягон корро)*; **ехать (путешествовать) на ~их** *в знач. сущ. уст.* аспҳоро иваз накарда сафари дуру дароз кардан

долго *нареч.* бисьёр (хеле) вақт, дуру дароз, муддати дароз; **пришлось ~ ждать** хеле вақт мунтазир шудан лозим омад; **~ не писать** хеле вақт хат нанавиштан ◇ **~ ли (ль)** *с неопр.* осон аст, мушкил (душвор) нест, мумкин аст; **так скользко, ~ ли упасть** чунон лағжонак, ки афтидан мумкин аст; **~ ли до беды** ба бало гирифтор шудан душвор нест; **~ ли, коротко ли** *фольк.* муддате; **как ~?** чанд вақт?; **как ~ они могут пробыть там?** онҳо дар он ҷо чанд вақт меистода бошанд?

долго- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дароз»:* **долгосрочный** дарозмуҳлат; **долголетний** бисьёрсола

долговечность *ж* 1. *(долголетие)* дарозумрӣ 2. *(прочность)* мустаҳкамӣ, пойдорӣ

долговечн||ый, -ая, -ое (долговеч|ен, -на, -но) 1. дарозумр; **~ые породы деревьев** ҷинсҳои дарозумри дарахтҳо 2. мустаҳкам, пойдор; **~ое сооружение** иншооти мустаҳкам

долгов||ой, -ая, -ое ...и қарз, қарзӣ; **~ое обязательство, ~ая расписка** дастхати қарз ◇ **~ая тюрьма (яма)** *уст.* ҳабсхонаи (зиндони) қарздорон

долговременн||ый, -ая, -ое дарозмуддат, бардавом; **~ое отсутствие** муддати дуру дароз набудан(и)

долговязый, -ая, -ое (долговяз, -а, -о) *разг.* қаддарози бесулуқай; **~ юноша** ҷавони қаддарози бесулуқай

долгогривый, -ая, -ое (долгогрив, -а, -о) ёлдароз, дарозьёл; **~ конь** аспи ёлдароз

долгодневн||ый, -ая, -ое ...и муддати дароз, дарозмуддат; **~ое отсутствие** муддати дароз набудан(и)

долгожданн||ый, -ая, -ое дилхоҳ, муштоқона, чашм дошташуда; **~ая встреча** вохӯрии муштоқона; **~ый гость** меҳмони дилхоҳ

долгожитель *м* [одами] дарозумр

долгоиграющ||ий, -ая, -ее: **~ая пластинка** картаи пурдавом

долголетие *с* дарозумри, умри дароз, умрдарозӣ

долголетн||ий, -яя, -ее бисьёрсола; чандинсола; **~яя дружба** дустии бисьёрсола; **~ий опыт** таҷрибаи чандинсола

долгоног *м зоол.* дарозпо *(навъи ҳайвони хурд аз ҷинси хояндаҳо)*

долгоногий, -ая, -ое (долгоног, -а, -о) *разг.* дарозпо, подароз, почадароз

долгоножка *ж* 1. *разг.* дарозпой, дарозпоча 2. *мн.* **долгоножки** *зоол.* пойдарозак *(номи пашшае аз оилаи дарозпойҳо)*

долгоносики *мн.* (*ед.* **долгоносик** *м*) *зоол.* ғалламус, митта

долгоно́сый, -ая, -ое (долгоно́с, -а, -о) *прост.* дарозбинӣ, бииидароз, дарознул; ~ **журавль** куланги дарознул

долгопо́лый, -ая, -ое (долгопол, -а, -о) дароздоман, домандароз; ~ **пиджак** пиджаки дароздоман

долгору́кий, -ая, -ое (долгорук, -а, -о) дароздаст, дастароз

долгосро́чн||ый, -ая, -ое дарозмуҳлат; ~**ая ссу́да** қарзи дарозмуҳлат

долгота́ *ж* 1. дарозӣ, давомнокӣ, кашолӣ; ~ **дня** дарозии рӯз 2. дурӣ, дарозӣ; ~ **пути́** дурии роҳ 3. *лингв.* дарозӣ, мадид будан(и); ~ **зву́ка** дарозии овоз 4. *геогр.* тул

долготерпели́вый, -ая, -ое (долготерпели́в, -а, -о) пуртоқат, пурбардошт, ботаҳаммул

долготерпе́ние *с* пуртоқатӣ, пурбардоштӣ, пурсабрӣ

долго́тный, -ая, -ое *геогр.* тулӣ

долгохво́ст||ый, -ая, -ое (долгохво́ст, -а, -о) дароздум, думдароз; ~**ая сини́ца** момоҷурғоти думдароз

долгошёрстн||ый, -ая, -ое дарозпашм, серпашм; ~**ые о́вцы** гусфандҳои дарозпашм

долгуне́ц *м с.-х.* зағири дарозпоя; **лён**-~ зағири дарозпоя (дарознах)

до́ле *нареч. уст. см.* **до́льше**

долев||о́й I, -ая, -ое (*продольный*) қаддӣ, бадарозӣ, тулӣ; ~**о́е сечение** буриши тулӣ

долев||о́й II, -а́я, -о́е ҳиссагӣ, ...и ҳисса, ...и саҳм, ...и шарикӣ; ~**о́е уча́стие в ремо́нте** дар таъмир шарик шудан(и)

доледнико́вый, -ая, -ое тояхбандӣ; ~ **пери́од** давраи тояхбандӣ

до́лее *нареч. книжн. см.* **до́льше**

долежать *сов.* 1. то вақте дароз кашида хобидан, то муддате ёзида хобидан 2. (*о плодах, овощах*) истодан, истода пухтан; **яблоки должны** ~ себҳоро нигоҳ доштан лозим аст

долежа́ться *сов. прост.* 1. *см.* **долежа́ть** 1; 2. бисьёр хобида ба ҳолати ногуворе гирифтор шудан; ~ **до головно́й бо́ли** бисьёр хобида дарди сар шудан, аз хоби тулонӣ дарди сар шудан

долёживать *несов. см.* **долежа́ть** 1

долёживаться *несов. см.* **долежа́ться**

долеза́ть *несов. см.* **доле́зть**

доле́зть *сов.* баромада расидан, хазида (часпида) баромадан

долетать *несов. см.* **долете́ть**

долете́||ть *сов.* 1. парида расидан, парвоз карда расидан, расидан; **мяч не** ~**л до забо́ра** туб то ба девор нарасид 2. (*о запахах, звуках и т. п.*) расидан, рафта расидан, омада расидан; **до нашего слу́ха** ~**ли зву́ки му́зыки** овози мусиқӣ ба гуши мо омада расид

доле́чивание *с* (*по знач. гл.* **долечить**) то шифоёбӣ (то охир) табобат кардан(и)

доле́чивать *несов. см.* **долечить**

доле́чиваться *несов.* 1. *см.* **долечиться**; 2. *страд.* то шифоёбӣ табобат карда шудан

долечи́ть *сов. кого-что* 1. то шифоёбӣ (то охир) табобат кардан 2. *разг.* бо табобати нодуруст ба оқибати бад расондан

долечиться *сов.* 1. табобат карда шудан, табобатро ба охир расондан 2. *разг.* табобати нодуруст карда ба бало мондан, аз табобати нодуруст дучори бало шудан

должать *несов. уст.* қарз гирифтан, қарздор шудан

до́лж||ен, -на, -но́ *в знач. сказ.* 1. *с неопр.* бояд; **собра́ние** ~**но́ состоя́ться за́втра** маҷлис бояд фардо шавад; **он** ~**еи ско́ро верну́ться** у бояд зуд бозгашта ояд 2. *кому-чему* қарздор; **я вам** ~**ен де́сять рубле́й** ман аз шумо даҳ сӯм қарздор(ам) ◇ ~**но́ быть** *в знач. вводн. сл.* шояд, эҳтимол, мумкин аст, ки..., аз афташ; ~**но́ быть, он не прие́дет** аз афташ вай намеояд, вай наметомадагӣ барин; ~**но́** *прост. и обл.*, ~**но́ ста́ться (полагать)** *см.* ~**но́ быть**

долженствова́ние *с* зарурат, лозимият

долженств||ова́ть *несов. с неопр. уст. книжн.* боистан, воҷиб будан (шудан), бояд; ~**у́ет** бояд; ~**ова́ло** мебоист

должник *м* 1. қарздор; **несостоятельный** ~ қарздори муфлис, қарзи ҳасанахӯр 2. *перен.* миннатдор; **я ваш** ~ ман аз шумо миннатдор [ҳастам]

должница *женск. к* **должник**

до́лжно *в знач. сказ. безл. чаще с неопр. уст.* бояд, зарур, лозим, даркор; **так не** ~ **поступа́ть** набояд ин тавр рафтор кард; **говори́ть, как** ~ бояду шояд гап задан; ~ **заме́тить, что** бояд гуфта гузарем, ки...

должности||о́й, -а́я, -о́е вазифагӣ, хизматӣ, ...и вазифа, ...и хизмат; ~**о́е лицо́** шахси вазифадор, мутассадии ягон вазифа; ~**о́е преступле́ние** ҷиноятии хизматӣ

до́лжность *ж* 1. вазифа, хизмат; **вы́борная** ~ вазифаи интихобӣ; **шта́тная** ~ вазифаи штатӣ; **занимать** ~ *кого* дар вазифа будан, амалдор будан; **исполня́ть** ~ **заве́дующего** вазифаи мудириро иҷро кардан; **освободи́ть от до́лжности** аз вазифа озод кардан 2. *уст.* (*служба*) хизмат

до́лжн||ый, -ая, -ое 1. даркорӣ, зарурӣ, лозим, муносиб; ~**ым о́бразом** бояду шояд; **на** ~**ой высоте́** ба дараҷаи даркорӣ (кофӣ) 2. *в знач. сущ.* **до́лжное** *с* ҳақ, муносиб; **ну́жно отда́ть** ~**ое его уму́** ба ақли вай қоил шудан даркор

должок *м разг. уменьш.-ласк. к* **долг** 2

долива́ние *с* (*по знач. гл.* **долить**) [рехта] пур кардан(и), боз рехтан(и)

долива́ть *несов. см.* **долить**

долива́ться *несов.* 1. *см.* **долиться**; 2. *страд.* [рехта] пур карда шудан

доли́вка *ж см.* **доливание**

долиза́ть *сов. что* лесида тамом кардан, то охир лесидан

доли́зывать *несов. см.* **долиза́ть**

доли́на *ж* водӣ; **го́рная** ~ водии куҳсор, дара; **речна́я** ~ водии дарьё

доли́нн||ый, -ая, -ое водигӣ, ...и водӣ; ~**ые зе́мли** заминҳои водӣ

доли́ть *сов. что, чего* рехтан, [рехта] пур кардан, боз рехтан; ~ **ча́йник** чойникро пур кардан

доли́ться *сов.* пур шудан

долихоцефал *м антроп.* долихоцефал (*одами калладароз*)

долихоцефалия *ж антроп.* долихоцефалия (*намуди косахонаи сар, ки хеле дароз аст*)

доллар *м* доллар (*воҳиди пул дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Канада, Австралия ва баъзе мамлакатҳои дигар*)

до́лларовый, -ая, -ое долларӣ, ...и доллар

долож||и́ть I *сов. что, о ком-чём и без доп.* 1. маълумот додан, арз намудан; ~**и́ть результаты наблюде́ния** дар бораи натиҷаи мушоҳидот маълумот додан // (*сделать донесение*) хабар додан, расондан; ~**и́ть командиру о выполне́нии задания** иҷрои вазифаро ба командир расондан // *разг.* (*рассказать*) нақл (ҳикоя) кардан, гуфтан, гуфта додан; **ему́ уже́ кто-то** ~**и́л о твоём прие́зде** хабари омадани туро касе ба вай гуфтааст 2. (*известить о приходе кого-л.*) дар бораи омадани касе хабар додан, касеро муаррифӣ кардан; **как о вас** ~**и́ть?** шуморо чӣ навъ муаррифӣ кунам? ◇ ~**у́ [я] вам (тебе́)** *в знач. вводн. сл.* ман ба шумо (ба ту) гуям

доложи́ть II *сов.* 1. *что, чего разг.* илова кардан, боз андохтан, камиро пур кардан; ~ **в блю́дце варе́нья** ба тақсимӣ боз мураббо андохтан 2. *что* (*кончить кладку чего-л.*) чида (сохта) тамом кардан; ~ **печь** печкаро сохта тамом кардан

доложи́ться *сов. кому уст.* (*сообщить о своём приходе*) аз омадани худ хабар додан, омадани худро маълум кардан

доло́й *нареч. разг.* 1. дур, дафъ; **он сбро́сил с себя́ шу́бу** ~ вай пустинро аз танаш [кашида] партофт 2. *в знач. приказания* нест бод, дур бод, дафъ шавад; ~ **войну́!** нест бод ҷанг!; **ша́пки** ~! телпакҳоро аз сар гиред! ◇ **с глаз** ~! дафъ шав аз назарам!, дур шав аз чашмам!; **уйди́ (убира́йся) с глаз** ~! рав!, аз пеши чашмам дафъ шав!, ба назарам нанамо!; **с плеч (с рук)** ~ аз сар соқит

долома́н *м* доломан (*нимтанаи расмии аскарони савора дар Россияи подшоҳӣ*)

доломать *сов. что* то охир шикастан, тамоман вайрон кардан, шикаста тамом кардан; ~ **забо́р** деворро тамоман вайрон кардан; ~ **игру́шку** бозичаро тамоман шикастан

долома||ться *сов. разг.* 1. шикаста вайрон шудан; **стул** ~**лся** стул шикаста вайрон шуд (аз кор баромад) 2. *перен.* бисьёр нозу нуз карда худро гирифтори фалокат кардан

доломи́т *м мин.* доломит (*навъи маъдани бештар сафедчатоб, ки дар таркибаш калций ва магний дорад*)

доломи́тов||ый, -ая, -ое доломитӣ, ...и доломит; ~**ые огнеупо́рные изде́лия** маҳсулоти доломитии оташбардор

долото́ *с* искана (1. *асбоби дуредгарӣ ва харротӣ барои сурох кардани мас-*

нуоти чӯбин 2. *горн.* *асбоб барои парма кардани ҷинсҳои кӯҳӣ)*

долу *нареч. уст. поэт.* ба поён; **опустить (потупить) глаза (очи)** ~ чашм ба поён андохтан

долька *ж уменьш. к* **доля** 1 ҳиссача, қисмча, қисми хурд; пора, қалам; ~ **апельсина** як қалам афлесун; ~ **чеснока** як пора сир

дольмен *м археол.* дольмен *(гӯрхонаи аз тахтасангҳои калон сохташудаи давраи санг)*

дольний, -яя, -ее *уст. поэт.* 1. *(долинный)* водигӣ, ...и водӣ 2. *(земной, человеческий)* индуньёӣ, воқеӣ

дольник *м лит.* дольник *(навъи рукни сеҳиҷоии шеъри ҳиҷоӣ)*

-дольный, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки бо шумора омада, аз чанд ҳисса иборат будани чизеро мефаҳмонад:* **двудольный** дуҳиссагӣ; **пятидольный** панҷҳиссагӣ

дольчат||ый, -ая, -ое қисм-қисм, булак-булак, ...и қисмҳо; ~**ое строение плода** аз қисмҳо иборат будани мева

дольше 1. *сравн. ст. к* **долгий** дуртар, дарозтар; **этот путь ещё** ~ ин роҳ боз ҳам дуртар аст 2. *сравн. ст. к* **долго** бисьёртар, зиёдтар, бештар; **он отдыхал** ~, **чем я** вай аз ман [дида] зиёдтар дам гирифта буд

дольщик *м уст. и обл. (пайщик)* ҳиссадор, саҳмдор, саҳмгузор

дольщица *женск. к* **дольщик**

долюшка *ж фольк.* қисмат, тақдир, насиб, сарнавишт

дол||я *ж* 1. ҳисса, саҳм, қисм, бахра; **пятая** ~**я** панҷьяк, аз панҷ як ҳисса; **делить на равные** ~**и** ба ҳиссаҳои баробар тақсим кардан; ~**я истины** заррае аз ҳақиқат; **в его словах есть** ~**я истины** дар суханҳои вай то як дараҷа (ба дараҷаи муайян) ҳақиқат ҳаст; **войти в** ~**ю** ҳиссадор шудан, ҳисса гузоштан; **принять в** ~**ю** саҳмдор кардан 2. қисмат, тақдир, насиб, сарнавишт, бахт; **счастливая** ~**я** қисмати нек; **горькая** ~**я** бахти бад; **выпасть (достаться) на чью-л., кому-л.** ~**ю** насиби касе шудан // *прост. (счастье, удача)* бахт, толеъ, саодат; **нет ему** ~**и** вай толеъ надорад 3. *уст. (мера веса)* доля *(воҳиди вазн, ки баробари 44 мг буд)* ◇ **львиная** ~**я** ҳиссаи бузург, қисми хубтарин

дом *м* 1. хона, ҳавлӣ, бино, иморат; **деревянный** ~ хонаи чубин; **каменный** ~ иморати сангин; **жилой** ~ истиқоматгоҳ 2. *(жильё, квартира)* хона, манзил, бошишгоҳ, истиқоматгоҳ; **на** ~ ба хона; **брать работу на** ~ корро ба хона гирифтан; **на** ~**у** дар хона; **работать на** ~**у** дар хона кор кардан; **по** ~**ам** хона ба хона; **отправиться (разойтись) по** ~**ам** хона ба хона рафтан 3. *(домашнее хозяйство)* хоҷагӣ, корҳои хона, кору бори рузгор; **хлопотать (работать) по** ~**у** бо корҳои хона машғул шудан; **жить одним** ~**ом с кем-л.** ҳамдегу табак будан; **тащить в** ~ *прост.* ғами рузгорро хурдан 4. *собир.* оила, хонавода, хонадон, аҳли хона (байт); **принять (взять) в** ~ **кого-л.** касеро ба хонадон қабул кардан; **ввести в** ~ бо аҳли хонавода шинос кардан; **быть знакомым** ~**ами** бо аҳли хонаводаи якдигар рафтуомад доштан 5. *(учреждение)* хона; ~ **отдыха** хонаи истироҳат; ~ **литераторов** хонаи адибон; **детский** ~ хонаи бачагон 6. *ист. (династия, род)* сулола, хонадон, хонавода; ~ **Романовых** хонадони Романовҳо 7. *уст. (заведение)* хона, идора; **воспитательный** ~ тарбиятхонаи ятимон; **жёлтый** ~ ҷиннихона, девонахона; **ночлежный** ~ хонаи бенавоён, манзилгоҳи фақирон; **питейный** ~ майхона, майкада; **публичный** ~ фоҳишахона; **сумасшедший** ~ ҷиннихона; **торговый** ~ тиҷоратхона; ~ **терпимости** *уст. см.* **публичный** ~ ◇ **закрыть двери** ~**а, отказать от** ~**а кому-л.** *уст.* дари хонаро ба руи касе бастан; **отбиться от** ~**а** аз хона дур шудан, бегона барин шудан

дома *нареч.* 1. *(у себя в доме)* дар хона; **в гостях хорошо, а** ~ **лучше** *погов.* ҷон хонаи худ, дилу ҷон хонаи худ 2. *(на родине)* дар ватан, дар диёри худ; **у нас** ~ **уборка урожая давно началась** дар ҷойҳои мо ғалладаравӣ кайҳо сар шудааст ◇ **у него не все** ~ *прост.* ақлаш дар ҷояш не; **как [у себя]** ~ дар хонаи худ будагӣ барин, озодона, бемалол; **будьте как** ~! хонаи худатон барин донед, бемалол

домазать *сов. что* молидан, андова кардан, молида (андовида, ловида) тамом кардан, молида шудан

домазывание *с (по знач. гл.* **домазать)** молида (андова карда) тамом кардан(и)

домалывание *с (по знач. гл.* **домолоть)** орд карда тамом кардан(и), орд карда шудан(и)

домалывать *несов. см.* **домолоть**

домарксистск||ий, -ая, -ое томарксистӣ, ...и пеш аз пайдоиши марксизм; ~**ие философские теории** назарияҳои фалсафии томарксистӣ

доматывание *с (по знач. гл.* **домотать)** печонида тамом кардан(и), печонида шудан(и)

доматывать *несов. см.* **домотать**

домачивание *с (по знач. гл.* **домочить)** тар карда тамом кардан(и), тар карда шудан(и)

домачивать *несов. см.* **домочить**

домашн||ий, -яя, -ее 1. ...и хона, хонагӣ; ~**ий адрес** адреси хона; ~**ий телефон** телефони хона; ~**яя хозяйка** соҳибаи хона; ~**ий спектакль** намоиши хонагӣ; ~**ие уроки** дарсҳои хонагӣ; ~**ий арест** ҳабси хонагӣ; ~**ее платье** куртаи хонапушӣ; ~**ие туфли** кафши сари пой; ~**ий обед** хуроки хона 2. ...и рузгор, ...и хонавода, ...и хона; ~**ее имущество** асбобу ускуна, бисоти хона; ~**ие заботы** ташвиши рузгор 3. *(семейный)* оилавӣ, ...и оила, хусусӣ; ~**ий очаг** хонавода, оила, аҳлу аёл; ~**ий круг** аҳли хона (байт); ~**ее воспитание** тарбияи оилавӣ; ~**ий врач** духтури хонагӣ (хусусӣ) 4. *в знач. сущ.* **домашние** *мн.* аҳли оила (байт), хонадон, хонавода; **мои** ~**ие** аҳли оилаи ман 5. *(не дикий, прирученный)* хонагӣ, дастомуз; ~**ие голуби** кабутарҳои хонагӣ; ~**ие животные** ҳайвоноти хонагӣ

домашность *ж прост. и обл.* 1. *(домашнее хозяйство)* хоҷагӣ, рузгордорӣ, кору бори хона (рузгор); 2. *(домашняя утварь)* асбобу анҷом, бисоти хона, чизу чора

домащивать *несов. см.* **домостить**

домбра *ж см.* **домра**

домен *м ист.* домен *(замини феодали асрҳои миёна дар Европаи Ғарбӣ)*

доменн||ый, -ая, -ое домнагӣ, ...и домна, ...и кураи чуянгудозӣ; ~**ый газ** гази домнагӣ; ~**ая плавка** чуянгудозӣ; ~**ая печь** печи домна

доменщик *м* домначӣ, чуянгудоз *(мутахассис ё коргари печи домна)*

домеривать *несов. см.* **домерить**

домерить *сов. что* чен карда баромадан, андоза гирифта (баркашида) тамом кардан; ~ **земельный участок** қитъаи заминро чен карда баромадан

домесить *сов. что* сиришта (омехта, хамир карда) тамом кардан; ~ **тесто** хамир карда шудан (ҷулондан)

домести *сов. что* руфтан, руфта шудан, руфта тамом кардан; ~ **пол** фаршро руфта шудан; ~ **до угла** то кунҷ руфтан

дометать I *несов. см.* **домести**

дометать II *сов. что* кук (лаганда) карда шудан; ~ **подол платья** домани куртаро кук карда шудан

дометать III *сов. что* партофта (ҳаво дода) тамом кардан; ғарам карда мондан (шудан); ~ **стог сена** хасбедаро ғарам карда шудан

дометить *сов. что* нишон карда (ишора карда, тамға зада) тамом кардан

дометнуть *сов. что* расондан, ҳаво дода (партофта, андохта) ба ҷое расондан; ~ **копьё до цели** найзаро ба нишон расондан

дометывать I, II *несов. см.* **дометать** II, III

домешать *сов. что* омехта тамом кардан

домешивать I *несов. см.* **домесить**

домешивать II *несов. см.* **домешать**

домик *м уменьш. к* **дом** 1 ◇ **карточный** ~ чизи ноустувор, чизи бебақо, нақше дар об

доминанта *ж* доминанта (1. *ғояи асосӣ, ғояи ҳукмфармо* 2. *муз. нотае, ки аз нотаи асосӣ ба андозаи 3 ё 3,5 парда баландтар аст)*

доминать *несов. см.* **домять**

доминиканцы I *мн.* доминиканиҳо *(аҳолии асосии республикаи Доминикан)*

доминиканцы II *мн.* ордени роҳибони католикӣ

доминион *м* доминион *(номи давлатҳои худидоракунанда, колонияҳои собиқ, ки дар ҳайати империяи Британия буданд)*

доминирование *с (по знач. гл.* **доминировать)** бартарӣ доштан(и), ҳукмфармо будан(и); болои чизе истодан(и)

доминир||овать *несов.* 1. *(господствовать)* бартарӣ доштан, ҳукмфармо (ғолиб, асосӣ) будан 2. *над чем (возвышаться)* аз чизе баланд будан, болои чизе истодан

доминирующ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* бартаридошта, ҳукмфармо; ~**ая идея** ғояи ҳукмфармо

домино́ I *с нескл.* домино *(ҷомаи васеи кулоҳдори маскаради ва шахсе ки ҳамин либосро пушидааст)*; **чёрное** ~ доминои сиёҳ

домино́ II *с нескл. (игра)* домино *(муҳраҳои бозие, ки аз 28 хиштчаи холдор иборат аст)*; **играть в** ~ домино бозӣ кардан

дом-интерна́т *м (для пенсионеров)* интернатхона *(барои нафақахурон)*

домко́м *м* (домо́вый комите́т) комитети гузар (ҳавлиҳо)

домкра́т *м тех.* домкрат *(механизм барои андак бардоштани чизҳои вазнин)*; **ручной** ~ домкрати дастӣ; **гидравлический** ~ домкрати гидравлики

до́мна *ж* домна, кураи чуянрезӣ

домови́на *ж обл. (гроб)* тобут

домови́тость *ж* сарфакорӣ, рузгордорӣ, сариштакорӣ; **же́нская** ~ сарфакории зан

домови́тый, -ая, -ое (домови́т, -а, -о) сарфакор, рузгордор, сариштакор, басаришта; ~ **хозяин** соҳиби сариштакор

домови́ще *с см.* **домови́на**

домовладе́лец *м* соҳиби хона (ҳавлӣ), ҳавлидор

домовладе́лица *ж* соҳибаи хона (ҳавлӣ)

домовладе́льческ||ий, -ая, -ое ...и соҳиби хона (ҳавлӣ), ...и ҳавлидор; ~**ие дохо́ды** даромади ҳавлӣ

домовладе́ние *с* 1. ҳавлидорӣ, соҳиби ҳавлӣ будан(и) 2. *уст. (дом)* ҳавлӣ, ҳавлии хусусӣ

домовни́ц||а *ж обл.* хонапой, ҳавлипой; **де́вочка оста́лась в до́ме** ~**ей** духтарча дар ҳавлӣ хонапой шуда монд

домовни́чать *несов. обл.* хонапой (ҳавлипой) кардан

домово́дство *с* ҳавлидорӣ, рузгордорӣ

домово́й *м* аҷинаи хона *(дар хурофот)*

домо́в||ый, -ая, -ое 1. ҳавлигӣ, ...и ҳавлӣ, хонагӣ, ...и хона; ~**ые воро́та** дарвозаи ҳавлӣ 2. *уст. (домашний)* хонагӣ; ~**ый ле́карь** табиби хонагӣ (хусусӣ) 3. *дар таркиби номҳои баъзе ҳайвонот ва ҳашарот:* ~**ая мышь** муши хона; ~**ый сверчо́к** чирчираки хонагӣ ◇ ~**ая кни́га** дафтари ҳавлӣ; ~**ая конто́ра** *уст.* идораи ҳавлиҳо; ~**ая ла́вка** дукони [назди] хона (ҳавлӣ), дукончаи гузар

домога́тельств||о *с* талош, даъво, иддао; **отве́ргнуть чьи-л.** ~**а** даъвои касеро рад кардан

домога́ться *несов. чего* талош даъво (иддао) кардан, зур задан; ~ **вла́сти** даъвои ҳокимият кардан; ~ **призна́ния** барои шуҳрат талош кардан

домоде́льн||ый, -ая, -ое *прост. (самодельный)* дастӣ, дастисохт; ~**ое ору́жие** яроқи дастисохт

домоде́льщина *ж прост. (самодельщина)* чизи дастисохт

домо́й *нареч. (в свой дом)* ба хона, ба ҳавлӣ; **он ушёл** ~ вай ба хонааш рафт // *(на родину)* ба ватан, ба диёр, ба зодгоҳ, ба хона; **съе́здить** ~ **на побы́вку** якчандруза ба хона (ба ватан) рафта омадан

домола́чивать *несов. см.* **домолоти́ть**

домолоти́ть *сов. что* куфта тамом кардан, куфта шудан; ~ **рожь** ҷавдорро куфта тамом кардан

домоло́ть *сов. что* орд карда тамом кардан, орд карда шудан; ~ **на ме́льнице зерно́** ғалларо дар осиё орд карда шудан

домонополисти́ческий, -ая, -ое ...и то давраи монополистӣ, томонополистӣ; ~ **капитали́зм** *эк.* капитализми томонополистӣ

домоправи́тель *м уст.* хоҷагидор *(идоракунандаи молу мулки заминдори бой)*

домоправи́тельница *женск. к* **домоправитель**

домоправле́ние *с уст.* ҳавлидорӣ, хоҷагидорӣ

доморо́щенн||ый, -ая, -ое 1. хоназод, хонапарвард; ~**ые ло́шади** аспҳои хоназод 2. *перен. ирон.* дағал; бемаза, беҳунар, ношуд; содда, ниму нимкора; ~**ые остро́ты** зарофатҳои бемаза; ~**ый поэ́т** шоири беҳунар

домосе́д *м* хонашин, хонанишин

домосе́дка *женск. к* **домосе́д**

домости́ть *сов. что* сангфарш кардан, фарш карда тамом кардан, сангфарш карда ба охир расондан, фарш карда шудан; ~ **у́лицу** кӯчаро сангфарш карда шудан

домостро́евск||ий, -ая, -ое ...и Домострой; куҳнашуда, куҳна, ...и куҳнапарастӣ; ~**ие поря́дки** тартиботи куҳна (куҳнапарастӣ); ~**ие времена́** замонҳои Домострой

домострое́ние *с* хонасозӣ, бинокорӣ

домострои́тельный, -ая, -ое ...и хонасозӣ, ...и бинокорӣ; ~ **комбинат** комбинати хонасозӣ

домострои́тельство *с* хонасозӣ, иморатсозӣ, ҳавлисозӣ

Домостро́й *м* Домострой *(китоби қадимаи русии қоидаҳои рузгордорӣ; баъдҳо дар рузгордорӣ куҳнапарастиро ифода мекардагӣ шуд)*

домота́ть *сов. что* печонида тамом кардан, печонида шудан; ~ **клубо́к ни́ток** кулулаи ресмонро печонда тамом кардан

домотка́нина *ж* матои хонабофт (дастибофт)

домотка́н||ый, -ая, -ое хонабофт, дастибофт; ~**ая ска́терть** дастархони дастибофт; ~**ое одея́ло** кампали хонабофт

домоуправле́ние *с* идораи ҳавлиҳо

домохозя́ин *м см.* **домовладе́лец**

домохозя́йка *ж* соҳибаи хона, соҳибхоназан

домоча́дцы *мн.* (*ед.* **домоча́дец** *м*) аҳли хона (байт), хонавода

домочи́ть *сов. что* тар карда тамом кардан, тар карда шудан

до́мра *ж муз.* думбура, думбурак, қубуз; **трёхстру́нная** ~ думбураи сетора

домрабо́тница *ж* хизматгорзан, хизматгори хона, духтархона

домраче́й *м уст. см.* **домри́ст**

домри́ст *м* думбуранавоз, қубузнавоз; **кварте́т** ~**ов** квартети думбураанавозон

домýчивать *несов. см.* **домýчить**

домýчиваться *несов.* 1. *см.* **домýчиться**; 2. *страд.* ниҳоят дараҷа азоб (азият) дода шудан

домýчить *сов. кого разг.* то охир азият (азоб) додан, ниҳоят дараҷа азоб (азият) додан

домýчиться *сов. разг.* азоб кашида-азоб кашида ба ҳолате расидан

домча́||ть *сов.* 1. *кого-что разг.* давонда (зуд) расондан; **ло́шади ми́гом** ~**ли нас до́ дому** аспҳо моро зуд (дар як дам) ба хона расонданд 2. *см.* **домча́ться**

домча́||ться *сов. разг.* давида (тез рафта, зуд) расидан; **они́ бы́стро** ~**лись до вокза́ла** онҳо зуд ба вокзал рафта расиданд

домыва́ть *несов. см.* **домы́ть**

домыва́ться *несов.* 1. *см.* **домы́ться**; 2. *страд.* шуста шудан

до́мысел *м* фарз, тахмини беасос, гумон

домы́слить *сов. что и без доп. уст.* фикр карда (бофта) баровардан

домы́ть *сов. кого-что* шустан, то охир шустан, шуста тамом кардан, шуста шудан; ~ **пол** полро шуста шудан

домы́ться *сов. разг.* худро шустушу кардан, шустушӯйро тамом кардан, худро шустушу карда шудан

домя́ть *сов. что разг.* ғиҷим кардан, сиққондан, фушурдан, ғиҷим карда шудан, фушурда (сиққонда) тамом кардан

дон I *м* дон, ҷаноб, оғо *(калимаи эҳтиром, ки дар Испания ва дар дигар мамлакатҳои испанзабон ба номҳои мардонаи аъёну ашроф илова мешавад, мас.:* дон Бази́лио, дон Ка́рлос, аммо Дон-Жуа́н, Дон-Кихо́т)

дон II *межд. звукоподр.* данг-данг *(овози зангула ва ғ.)*

донага́ *нареч.* луб-луч шуда, тамоман луч, бараҳна; **разде́ться** ~ лучи модарзод шудан

дона́шивание *с (по знач. гл.* **донаси́ть** I 2) пушида тамоман куҳна (фасурда) кардан(и)

дона́шивать *несов. см.* **доноси́ть** I

дона́шиваться *несов.* 1. *см.* **доноси́ться** I; 2. *страд.* пушида куҳна (фасурда) карда шудан

доне́льзя *нареч. разг.* бениҳоят, беандоза, бағоят, сахт; **он** ~ **упрям** вай бениҳоят якрав аст

донесе́ние *с офиц.* нома, маълумот, хабар, маълумотнома, огоҳӣ; **получи́ть** ~ маълумотномаро гирифтан

донести́ I *сов.* 1. *кого-что* бурда расондан, расондан, бардошта бурдан, гирифта бурдан; ~ **ве́щи до́ дому** чизҳоро ба хона расондан 2. *что (звук, запах)* расондан, оварда расондан, бурда ра-

сондан; **ветер донёс шум моря** шамол шаввоси баҳрро расонд

донести II *сов.* 1. *о чём офиц.* хабар додан, маълум (арз) кардан 2. *на кого-что и без доп.* маълумот додан, хабаркашӣ кардан

донес||тись *сов.* 1. расидан, омада расидан, шунида шудан, ба гуш расидан; **издалека ~лась песня** аз дур овози суруд ба гуш расид; **известие об этом ~лось и до нас** овозаи ин то мо омада расид 2. *разг.* (*домчаться*) зуд (давида) расидан, асп давонда расидан

донжуан *м* донжуан, занакабоз, марди фосиқ

донжуанский, -ая, -ое донжуанӣ, ...и занакабоз, фосиқона, ...и фосиқ

донжуанство *с* донжуанӣ, занакабозӣ, рафтори донжуанӣ, фосиқӣ

донжуанствовать *несов. книжн. ирон.* донжуанӣ (занакабозӣ, фосиқӣ) кардан

донизать *сов. что* шадда (ҳамел) кардан, шадда (ҳамел) карда тамом кардан, шадда (ҳамел) карда шудан; ~ **жемчуг** марворидро шадда карда тамом кардан

донизу *нареч.* то поин, то поён, то таг: **сверху** ~ 1) (*целиком*) сар то по, тамоман 2) (*повсеместно*) дар ҳама ҷо

донизывать *несов. см.* **донизать**

донимать *несов. см.* **донять**

донкихот *м* донкихот, хаёлпараст, хомхаёл

донкихотский, -ая, -ое донкихотӣ, хомхаёлӣ, ...и донкихот, ...и хомхаёл

донкихотство *с* донкихотӣ, хаёлпарастӣ, хомхаёлӣ

донкихотствовать *несов. книжн. ирон.* донкихотӣ (хаёлпарастӣ, хомхаёлӣ) кардан

донна *ж* донна, хоним (*калимаи эҳтиром, ки дар Италия ба номҳои занҳои аъёну ашроф илова мешавад*); ~ **Мария** донна Мария

донник *м бот.* қашқабеда (*навъи растании хушбӯй*)

донниковый, -ая, -ое ...и қашқабеда; ~ **запах** буи қашқабеда; ~ **пластырь** марҳами қашқабеда

донн||ый, -ая, -ое ...и таг, ...и тах, ...и қаър; **~ые доски лодки** тахтаҳои таги заврақ; **~ый лёд** яхи таги об; **~ые рыбы** моҳиҳои таги об

донор *м* донор (*касе, ки хуни худро барои гузарондан ба беморон ва маҷруҳон медиҳад*)

донорский, -ая, -ое ...и донор, донорӣ; ~ **пункт** пункти донорӣ, донорхона

донорство *с* донорӣ, донор будан(и)

донос *м* хабари махфӣ, маълумоти пинҳонӣ

доносить I *сов.* 1. *что* кашонда шудан, бурда расондан; ~ **последние дрова в сарай** ҳезуми охиринро ба ҳезумхона кашонда шудан 2. *что* бисьёр пӯшида даррондан, пушида даррондан, кӯҳна (пит, фасурда) кардан; ~ **платье** куртаро пӯшида даррондан; ~ **туфли до дыр** кафшро пӯшида лахт-лахт кардан 3. *кого* таваллуд кардан, зоидан, дар вақту соаташ зоидан; ~ **ребёнка** бачаро дар вақту соаташ зоидан

доносить II, III *несов. см.* **донести** I, II

доноситься I *сов.* (*износиться*) кӯҳна (фит) шудан, дарридан, лахт-лахт шудан (*аз бисьёр пушидан*)

доноситься II *несов.* 1. *см.* **донестись** 1; 2. *страд.* расонда шудан

доносчик *м* хабаркаш, воқеанавис, наммом

доносчица *женск. к* **доносчик**

донце *с уменьш. к* **дно** 2 таг, тагак

доныне *нареч. высок.* то ҳол, то ин дам, то имрӯз, то кунун, то ҳамин вақт

донырнуть *сов.* ғӯта зада ба ягон ҷо расидан, ғӯтида то ба ҷое расидан

донышко *с уменьш. к* **дно** 2 таг, тагак; ~ **стакана** тагаки истакон

донья *ж* донья, хоним (*калимаи эҳтиром, ки дар Испания ва мамлакатҳои испанзабон ба номи занҳои аъёну ашроф илова мешавад*); ~ **Анна** донья Анна

донять *сов. кого* безор кардан, ба ҷон расондан, аз ҷон сер кардан; **он донял меня своими просьбами** вай бо илтимосҳои худ маро безор кард

дообедать *сов.* таоми пешинро хурда тамом кардан, хурокро (хуроки нимрӯзиро) тамом кардан, хӯрок хурда шудан

дообеденн||ый, -ая, -ое чоштгоҳӣ, ...и пеш аз нимрузӣ; **~ая прогулка** сайру гашти чоштгоҳӣ

дообедывать *несов. см.* **дообедать**

дооборудование *с* (*по знач. гл.* **дооборудовать**) боз (бар илова) таҷҳиз кардан(и)

дооборудовать *сов., несов. что* боз (бар илова) таҷҳиз кардан, пурра (то охир) таҷҳизонидан

дооктябрьск||ий, -ая, -ое тооктябрӣ, ...и пеш аз Октябрь; **~ая Россия** Россияи тооктябрӣ

допаивать I *несов. см.* **допаять**

допаивать II *несов. см.* **допоить**

допалывать *несов. см.* **дополоть**

допаривать *несов. см.* **допарить**

допариваться *несов.* 1. *см.* **допариться**; 2. *страд.* то охир буғ дода шудан

допарить *сов. что* буғ додан, то охир буғ додан, дар буғ пухта тамом кардан

допариться *сов. разг.* 1. (*окончить париться*) худро буғ дода шудан 2. дар гармхонаи ҳаммом бисьёр нишаста ба ҳолати ногуворе дучор шудан; ~ **до обморока** худро то беҳушшавӣ буғ додан

допарывать *несов. см.* **допороть**

допасти *сов. кого-что* чаронидан, чаронида шудан

допахать *сов. что* рондан, ронда тамом кардан, то охир рондан; ~ **поле** заминро ронда тамом кардан; ~ **участок до межи** қитъаи заминро то рош рондан

допахивание *с* (*по знач. гл.* **допахать**) рондан(и), ронда тамом кардан(и)

допахивать *несов. см.* **допахать**

допашка *ж см.* **допахивание**

допаять *сов. что* [то охир] кафшер кардан, кафшер карда шудан

допевать *несов. см.* **допеть**

допеваться *несов.* 1. *см.* **допеться**; 2. *страд.* хонда (суруда) тамом карда шудан

допекать *несов. см.* **допечь**

допекаться *несов.* 1. *см.* **допечься**; 2. *страд.* нағз пухта шудан

допеть *сов. что* хондан, хонда (суруда) тамом кардан; ~ **песню** сурудро хонда тамом кардан; ~ **песню до припева** сурудро то нақароташ хондан

допеться *сов. разг.* бисьёр суруд хонда ба ҳолати ногуворе афтидан; ~ **до хрипоты** бисьёр суруд хонда хиррӣ шудан

допечатать *сов. что* 1. чоп кардан, чоп карда тамом кардан, чоп карда шудан, то охир чоп кардан; ~ **книгу** китобро чоп карда шудан; ~ **до середины страницы** то нимаи саҳифа чоп кардан 2. (*напечатать дополнительно*) боз (бар илова) чоп кардан; ~ **ещё несколько экземпляров** боз якчанд нусха чоп кардан

допечатка *ж* (*по знач. гл.* **допечатать**) чоп карда тамом кардан(и), чоп карда шудан(и); боз (бар илова) чоп кардан(и)

допечатывание *с см.* **допечатка**

допечатывать *несов. см.* **допечатать**

допечь *сов.* 1. *что* пухта тайёр кардан, нағз пухтан; ~ **пирог** пирогро нағз пухтан 2. *чего разг.* (*дополнительно*) боз пухтан 3. *кого чем перен. разг.* (*донять*) ба ҷон расондан, аз ҷон сер кардан, безор кардан, ба дил задан; **она допекла меня своими жалобами** вай бо шикоятҳои худ маро безор кард (аз ҷон сер кард)

допечься *сов.* пухта тайёр шудан, нағз пухтан; **хлеб допёкся** нон нағз пухт

допивать *несов. см.* **допить**

допиваться *несов.* 1. *см.* **допиться**; 2. *страд.* нушида тамом карда шудан

допиливать *несов. см.* **допилить**

допилить *сов. что* арра кардан, то охир арра кардан, арра карда шудан, арра карда тамом кардан; ~ **дрова** ҳезумро арра карда тамом кардан

допинг *м спорт.* допинг (*доруи ба ҷӯшу хуруш оваранда*)

дописать *сов. что* 1. навиштан, навишта (кашида) шудан, навишта тамом кардан; ~ **письмо** мактубро навишта шудан; ~ **картину** суратро кашида тамом кардан 2. бар илова навиштан, навишта илова кардан; ~ **несколько строк к письму** ба мактуб якчанд сатр илова кардан

дописаться *сов. разг.* навис-навис карда ба оқибати ногуворе дучор шудан; ~ **до нелепостей** навис-навис карда ба бемаънигиҳо расидан

дописывать *несов. см.* **дописать**

дописываться *несов.* 1. *см.* **дописаться**; 2. *страд.* навишта (кашида) тамом карда шудан

допить *сов. что* то охир нӯшидан, нӯшида шудан, нӯшида тамом кардан; ~ **молоко** ширро нӯшида тамом кардан

допи́ться *сов. разг.* мастигарӣ (бадмастӣ) карда ба ҳолати ногуворе афтидан

допла́та *ж* 1. (*по знач. гл.* **доплати́ть**) додани бақияи пул; ~ **де́нег по счёту** додани бақияи пул аз рӯи счёт 2. пули иловагӣ, пули боқимонда

доплатить *сов. что* боз пул додан, пули боқимондаро додан, бақияи пулро додан

доплатн||о́й, -а́я, -о́е ...и пули иловагӣ; ~**а́я ка́сса** кассаи қабули пули иловагӣ ◇ ~**о́е письмо́** мактуби бемарка (пулакӣ)

допла́чивать *несов. см.* **доплати́ть**

доплёскивать *несов. см.* **доплесну́ть**

доплесну́ть *сов. что и без доп.* то ҷое пошидан, пошида расондан

доплести́ *сов. что* бофтан, бофта шудан, бофта тамом кардан, то охир бофтан; ~ **кружева́** шерозаро бофта тамом кардан; ~ **корзи́нку до полови́ны** сабадро то нисфаш бофтан

доплести́сь *сов. разг.* оҳиста-оҳиста рафта расидан, ба зур расидан; **он е́ле доплёлся до́ дому** вай ба зур ба хонааш расид

доплетать *несов. см.* **доплести́**

доплывать *несов. см.* **доплыть**

доплы́ть *сов.* шино карда расидан; ~ **до бе́рега** шино карда то соҳил расидан; ~ **до середи́ны реки́** то миёнҷои дарьё шино карда расидан

допляса́ть *сов. что разг.* рақсидан, рақсида шудан, рақсро тамом кардан, рақсро ба охир расондан

доплясаться *сов. разг.* дар натиҷаи рақси зиёд ба худ зарар овардан; ~ **до головокруже́ния** аз ҳад зиёд рақсида саргаранг шудан // *перен.* бо кирдорҳои беҳуда худро ба ҳолати бад монондан

допля́сывать *несов. см.* **доплясать**

допля́сываться *несов.* 1. *см.* **допляса́ться**; 2. *страд.* рақсида шудан

допо́длинно *нареч. уст.* равшан, аниқ, яқин; **мне э́то** ~ **изве́стно** ман инро аниқ медонам

допо́длинный, -ая, -ое *уст.* ҳақиқӣ, аслӣ, аниқ, яқин

допоздна́ *нареч. разг.* то бевақтӣ, бисьёр дер; **он** ~ **заси́живался в библиоте́ке** вай то бевақтӣ дар китобхона нишаста мемонд

допои́ть *сов. кого разг.* боз нушондан; ~ **коро́ву** ба гов боз об додан

допола́скивать *несов. см.* **дополоска́ть**

дополза́ть *несов. см.* **доползти́**

допол3||ти́ *сов.* хазида-хазида (гавак кашида) расидан; **я́щерица** ~**ла́ до ка́мня** калтакалос хазида-хазида то ба санг расид // *перен. разг.* оҳиста-оҳиста рафта расидан, ба зӯр расидан

дополна́ *нареч. разг.* тамоман, пурра, комилан, лаб ба лаб, лабрез

дополне́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **допо́лнить**) илова (изофа, пурра, мукаммал) кардан(и); ~ **статьи́ но́выми материа́лами** мақоларо бо материалҳои нав пурра кардан(и) 2. илова, изофа, такмил; ~ **к резолю́ции** илова ба резолюция; ~ **к инстру́кции** илова ба дастуруламал 3. *грам.* пуркунанда; **прямо́е** ~ пуркунандаи бевосита; **ко́свенное** ~ пуркунандаи бавосита ◇ **в** ~ *к чему* илова ба чизе, бар илова

допо́лненн||ый, -ая, -ое *прич.* (**допо́лнен, -на, -но**) изофа (пурра, мукаммал) кардашуда; **испра́вленное и** ~**ое изда́ние** чопи тасҳеҳ ва пурра шуда

дополни́тельно *нареч.* бар илова, ба тарзи илова, бар изофа, ба тарзи изофа, илова бар ин, боз

дополни́тельн||ый, -ая, -ое 1. иловагӣ, изофагӣ, ...и илова; ~**ая подпи́ска на газе́ты** обунашавии иловагӣ ба газетаҳо; ~**ые да́нные** маълумоти иловагӣ; ~**ая опла́та труда́** музди меҳнати барилова 2. *грам.* пуркунанда; ~**ое прида́точное предложе́ние** ҷумлаи пайрави пуркунанда ◇ ~**ые цвета́** *физ.* рангҳои иловагӣ (*ду хел ранге, ки дар аснои омезиш ранги сафед пайдо мешавад*)

допо́лнить *сов. кого-что* илова (изофа, пурра, мукаммал) кардан; ~ **свой расска́з но́выми подро́бностями** ба ҳикояи худ тафсилоти нав илова кардан

допо́лниться *сов.* пурра (мукаммал, пур) шудан, такмил ёфтан

дополня́ть *несов. см.* **допо́лнить** ◇ ~ **друг дру́га** якдигарро пурра кардан

дополня́ться *несов.* 1. *см.* **допо́лниться**; 2. *страд.* илова (изофа) карда шудан

дополоска́ть *сов. что* чайқонда шудан, чайқонда тамом кардан, покоб карда шудан; ~ **бельё** ҷомашуиро покоб карда шудан

дополо́ть *сов. что* хишоваро тамом кардан, хишова карда шудан; ~ **гря́дку** ҷӯякро хишова карда шудан

дополуча́ть *несов. см.* **дополучи́ть**

дополуче́ние *с* (*по знач. гл.* **дополучи́ть**) бақиягирӣ, бозгирӣ

дополучи́ть *сов. что* бақияро гирифтан, боз (бар илова) гирифтан; ~ **ра́зницу в зарпла́те** фарқи маошро гирифтан

допол́учка *ж прост.* 1. *см.* **дополуче́ние**; 2. бақия, боқимонда

допоро́ть *сов. что* чок кардан, чоки чизеро канда тамом кардан, куки чизеро канда шудан; ~ **ста́рое пла́тье** чоки куртаи кӯҳнаро канда шудан

допото́пн||ый, -ая, -ое 1. (*вымерший, древний*) мурда рафтагӣ, барҳамхӯрда, мунқариз; ~**ые живо́тные** ҳайвоноти ҷинсаш барҳамхурда 2. *перен. разг.* (*устарелый*) кӯҳнашуда, аз Дақьёнус монда, дақьёнусӣ, аздаҳонмонда; ~**ые взгля́ды** назарияҳои кӯҳнашуда; ~**ые спо́собы обрабо́тки земли́** усулҳои кӯҳнашудаи кишту кор // (*старомодный*) кӯҳнашуда, қадима; ~**ая шля́па** шляпаи қадима; ~**ая каре́та** фойтуни қадима

допра́шивание *с* (*по знач. гл.* **допроси́ть**) тергав (истинтоқ) кардан(и)

допра́шивать *несов.* 1. *см.* **допроси́ть**; 2. *кого* (*настойчиво расспрашивать*) исроркорона пурсидан, пурсуков кардан

допра́шиваться *несов.* 1. *см.* **допроси́ться** II; 2. *страд.* тергав (истинтоқ) карда шудан

допризы́вник *м* допризывник (*ҷавони ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда*)

допризы́вн||ый, -ая, -ое допризывники, ...и пеш аз даъватшавӣ; ~**ая подгото́вка** тайёрии ҳарбии пеш аз даъватшавӣ

допродавать *несов. см.* **допрода́ть**

допрода́ть *сов. что* фурӯхта шудан, фурӯхта тамом кардан; бар илова фурӯхтан

допро́с *м* тергав, истинтоқ, пурсиш, бозпурсӣ; ~ **свиде́телей** пурсиши шоҳидон; **подве́ргнуть** ~**у** истинтоқ кардан; **снять** ~ **с подсуди́мого** гунаҳкорро истинтоқ кардан // *разг.* (*настойчивое, подробное расспрашивание*) пурсиши исроркорона, пурсиши ботафсил

допроси́ть *сов. кого-что* тергав (истинтоқ) кардан, пурсидан; ~ **плённого** асирро истинтоқ кардан; ~ **обвиня́емого** гунаҳкорро тергав кардан

допроси́ться I *сов. разг. чего и с неопр. чаще с отриц.* бо илтимос ба даст даровардан, илтиҷо карда гирифтан; **его́ не допро́сишься пойти́ куда́-нибудь** ҳазор илтимос кунӣ ҳам, у ба ҷое намеравад

допроси́ться II *сов. разг.* (*разузнать*) пурсуков карда фаҳмидан; **мы не могли́** ~, **кто он тако́й** пурсуков карда фаҳмида натавонистем, ки вай кист

допро́сный, -ая, -ое ...и тергав, ...и истинтоқ, ...и пурсуҷуй, ...и пурсиш

допры́гать *сов.* ҷаҳида (хез зада) расидан

допры́гаться *сов. разг.* бисьёр ҷаҳида (хез зада) ба ҳолати ногуворе афтидан // *перен.* бо амалу кирдори беҳуда ба сари худ фалокат овардан

допры́гивать *несов. см.* **допры́гнуть**

допры́гиваться *несов. см.* **допры́гаться**

допры́гнуть *сов.* ҷаҳида (ҳаллос зада, хез зада) расидан

допря́сть *сов. что* ресида шудан, ресида (ришта) тамом кардан; ~ **всю шерсть** ҳамаи пашмро ресида шудан

до́пуск *м* 1. иҷозати (ҳуқуқи) даромадан ба ҷое; иҷозат; ~ **в больни́цу** иҷозати ба касалхона даромадан, иҷозати касалбинӣ 2. *тех.* допуск (*ҳадди тағьироти андозаи қисмҳои мошинҳо ҳангоми сохтан нисбат ба андозаи пешакӣ муқарраршуда*)

допуска́ть *несов.* 1. *кого-что* иҷозат (роҳ) додан, мондан, гузоштан; ~ **к больно́му** ба пеши бемор мондан; ~ **до экза́мена** ба имтиҳон роҳ додан 2. *что* (*позволять*) иҷозат додан; ~ **торго́влю вино́м** ба шаробфурушӣ иҷозат додан // (*позволять себе*) ба худ раво (ҷоиз) донистан; ~ **гру́бые вы́ходки** рафтори дағалонаро ба худ раво донистан 3. *что и без доп.* (*предполагать*) фарз (гумон, тахмин) кардан; **я э́того не допуска́ю** ман гумон намекунам, ки ин тавр бошад

допуска́ться *несов.* 1. иҷозат (роҳ) дода шудан; ~ **к соревнова́ниям** ҳуқуқи иштирок дар мусобиқа пайдо кардан; ба мусобиқа роҳ дода шудан; ~ **к голосова́нию** ҳуқуқи овоздиҳӣ доштан 2. мумкин (раво) будан; **не допуска́ется** мумкин нест, манъ аст 3. *страд.* иҷозат дода шудан

допусти́мость *ж* имконпазирӣ, раво (ҷоиз, мумкин) будан(и)

допусти́м||ый, -ая, -ое (допустим, -а, -о) имконпазир, раво, ҷоиз, мумкин; **э́то** ~**о** ин мумкин аст

допусти́ть *сов. см.* **допуска́ть** ◇ **допу́стим** *в знач. вводн. сл.* фарз кунем, фаразан; **допу́стим, что э́ти треуго́льники равны́** фарз кунем, ки ин секунҷаҳо баробаранд

допуще́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **допуска́ть** 1) иҷозат (роҳ) додан(и); 2. (*разрешение*) иҷозат 3. (*гипотеза*) фарзия

допыта́ть *сов. кого уст. и прост.* пурсуков (тафтиш, аниқ) кардан, таги гапро донистан, решаи гапро фаҳмидан

допыта́||ться *сов. разг.* пурсуков карда фаҳмида гирифтан, таҳқиқ карда донистан, аниқ кардан; **я** ~**лся, где он был** пурсуков карда куҷо будани уро фаҳмида гирифтам

допы́тывать(ся) *несов. см.* **допыта́ть(ся)**

до́пьяна́ *нареч. разг.* то мастшавӣ; **напи́ться** ~ нушида маст шудан

дораба́тывание *с см.* **дорабо́тка**

дораба́тывать *несов. см.* **дорабо́тать**

дораба́тываться *несов.* 1. *см.* **дорабо́таться**; 2. *страд.* такмил дода шудан

дорабо́тать *сов.* 1. кор кардан, корро тамом кардан, корро ба охир (ба анҷом) расондан; ~ **до утра́** то саҳар кор кардан 2. *что* такмил додан, боз кор карда баромадан, буд кардан, каму кости *чизеро* дуруст кардан; **э́тот прое́кт необходи́мо** ~ ин лоиҳаро боз кор карда баромадан лозим аст

дорабо́таться *сов. разг.* 1. бисьёр кор карда (кор карда-кор карда) ба ҳолати ногувор афтидан, коркуфта шудан; ~ **до по́лного истоще́ния сил** бисьёр кор карда аз ҳол рафтан, аз меҳнати бисьёр беҳолу бемадор шудан 2. *уст.* (*с трудом добиться чего-л.*) бо машаққат чизеро ба даст овардан

дорабо́тк||а *ж* (*по знач. гл.* **дорабо́тать**) такмил, каму кости чизеро дуруст кардан(и); кори иловагӣ; ~**а прое́кта** такмили лоиҳа; **верну́ть ру́копись для** ~**и** дастнависро барои такмил баргардондан; **дета́ль тре́бует** ~**и** деталь кори иловагӣ металабад

дораста́ть *несов. см.* **дорасти́**

дорасти́ *сов.* 1. расидан, қад кашидан; **де́рево доросло́ до са́мой кры́ши** дарахт то худи бом қад кашид 2. *разг.* расидан, калон шудан, ба воя расидан 3. *перен. чаще с отриц.* расидан; **они́ ещё не доросли́ до понима́ния э́того вопро́са** онҳо ҳоло то фаҳмиши ин масъала нарасидаанд ◇ **нос не доро́с** *шутл.* аз даҳанат (даҳонаш) бӯи шир меояд

дорасти́ть *сов. кого-что* калон кардан, ба воя расондан, сабзондан

дора́щивать *несов. см.* **дорасти́ть**

дорва́ть *сов. что* 1. канда тамом кардан, то охир кандан, канда гирифтан (шудан); ~ **после́дние цветы́** охирин гулҳоро канда гирифтан 2. *разг.* тамом даррондан, пора-пора (лахт-лахт) кардан; ~ **сапоги́** музаро тамом даррондан

дорва́ться I *сов. разг.* (*об одежде, обуви и т. п.*) пора-пора (лахт-лахт) шудан

дорва́ться II *сов. до чего разг.* сахт часпидан, часпида гирифтан, худро партофтан (*ба сари чизе*); ~ **до еды́** худро ба болои хӯрок партофтан

дореволюцио́нн||ый, -ая, -ое тореволюционӣ, ...и пеш аз революция; ~**ая Росси́я** Россияи тореволюционӣ

доре́зать *сов. что* буридан, пора кардан, то охир (тамом) буридан; ~ **весь хлеб** ҳамаи нонро буридан (пора кардан)

дореза́ть *несов. см.* **доре́зать**

дорефо́рменный, -ая, -ое тоислоҳотӣ, ...и пеш аз ислоҳот

дорисова́ть *сов. кого-что* кашидан, кашида тамом кардан, буд кардан, расмро кашида шудан; ~ **портре́т** суратро кашида тамом кардан

дорисо́вка *ж* (*по знач. гл.* **дорисова́ть**) тамом кардани расмкашӣ, кашида тамом кардан(и); ~ **эски́за** кашида тамом кардани расми хомакӣ

дорисо́вывание *с см.* **дорисо́вка**

дорисо́вывать *несов. см.* **дорисова́ть**

дори́ческий, -ая, -ое 1. *ист.* дорӣ, ...и Дорида; ~ **диале́кт** лаҳҷаи Дорида 2. *архит.* дорӣ (*мансуб ба сабки меъмории қадими вилояти Доридаи Юнон*); ~**ая коло́нна** сутуни дорӣ

дормёз *м* дормез (*фойтуни қадимае, ки шароити хоб дошт*)

доро́г||а *ж* 1. роҳ, раҳ; **шоссе́йная** ~**а** роҳи сангфарш; **просёлочная** ~**а** роҳи деҳот (ноҳамвор); **желе́зная** ~**а** роҳи оҳан; **во́дная** ~**а** роҳи обӣ; **возду́шная** ~**а** роҳи ҳавоӣ; **кана́тная** ~**а** роҳи симтаноб; **ко́нно-желе́зная** ~**а** *уст.* роҳи кунка (*роҳи оҳани шаҳр, ки пеш аз ихтирои трамвай маъмул буда вагонҳоро асп мекашид*); **больша́я** ~**а** *прям., перен.* роҳи калон, шоҳроҳ; **столбова́я** ~**а** 1) *уст.* (*тракт*) роҳи калон, ҷода 2) *перен.* роҳи асосӣ, шоҳроҳ; **то́рная** ~**а** 1) роҳи ҳамвор 2) *перен.* роҳи озмуда; **сби́ться с** ~**и** роҳ гум задан; **он не знал** ~**и** вай роҳро намедонист; **на перекрёстке их** ~**и разошли́сь** дар чорроҳа раҳашон дигар шуд, онҳо дар чорроҳа ҷудо шуданд; **путь-**~**а** роҳ, самт; **без** ~**и** (**идти́** *и т. п.*) бе роҳу бе пайраҳа (рафтан *ва г.*); **встать на** ~**е** дар сари роҳ истодан, пеши роҳро гирифтан; **ледоко́л проби́л** ~**у** киштии яхшикан роҳ кушод 2. *перен.* роҳ, имконият; **пе́ред ним открыва́ется широ́кая** ~**а** барои у имконияти зиёд фароҳам меояд 3. (*путешествие*) роҳ, сафар; **утоми́тельная** ~**а** роҳи хастакунанда; **отпра́виться в** ~**у** ба роҳ (ба сафар) баромадан; **на полови́не** ~**и** дар нимаи роҳ ◇ **в** ~**у, на** ~**у** 1) пеш аз сафар, пеш аз ба роҳ баромадан 2) барои роҳ, барои сафар; **запасти́ прови́зии на** ~**у** туша гирифтан; **по** ~**е** 1) (*попутно*) сари (болои) роҳ; **по** ~**е заéхать к бра́ту** сари роҳ назди бародар даромадан 2) *кому с кем* ҳамроҳ; **мне с ва́ми по** ~**е** ман ҳамроҳи шумо, ман ба шумо ҳамроҳам; **с** ~**и** 1) баъд аз сафар; **с** ~**и он проспа́л до полу́дня** вай баъд аз сафар то пешин хоб рафт 2) дар роҳи сафар, дар асноi роҳ; **написа́ть письмо́ с** ~**и** дар асноi роҳ мактуб навиштан; **ска́тертью** ~**а** ҳар куҷо ки хоҳӣ, рав; чор тарафат қибла; **туда́ и** ~**а** *кому* сазояш ҳамин; **встать попере́к** ~**и кому́-л.** пеши роҳи касеро гирифтан, садди роҳи касе шудан; **вы́биться (вы́йти) на** ~**у** ба қатори одам даромадан; **вы́вести на** ~**у** *кого* ба қатори мардум даровардан; **дать (уступи́ть)** ~**у** *кому* роҳ (имконият) додан; **дать** ~**у молодёжи** ба ҷавонон роҳ додан; **забы́ть** ~**у** *к кому, куда* қадами худро кандан; **заказа́ть** ~**у кому́-л.** *уст. прост.* роҳи касеро бастан; **заступи́ть** ~**у кому́-л.** *прост.* роҳи касеро банд кардан; садди роҳи касе шудан; **знать** ~**у** роҳу растаро донистан, роҳбалад будан; **идти́ свое́й** ~**ой** бо роҳи худ рафтан; **идти́ прямо́й** ~**ой** бо роҳи рост рафтан; **найти́** ~**у к чьему́-л. се́рдцу (к се́рдцу кого́-л.)** ба дили касе роҳ ёфтан; **переби́ть (перейти́, перебежа́ть)** ~**у кому́-л.** аз касе пешдастӣ кардан; **пробива́ть себе́** ~**у** ба худ роҳ кушодан (ёфтан); **проложи́ть** ~**у** *кому-чему* роҳ кушодан (додан); **стоя́ть на чьей-л.** ~**е (у кого́-л. на** ~**е), стоя́ть кому́-л. попере́к** ~**и** садди роҳи касе шудан; **на** ~**е не валя́ется** дар зери по намехобад

до́рого *нареч. прям., перен.* қимат, гарон; ~ **купи́ть** қимат харидан; ~ **прода́ть** қимат фурӯхтан; **успе́х ему́** ~ **доста́лся** комьёбӣ ба ӯ осон (арзон) наомадааст; ~ **стои́т (обхо́дится)** *что кому* қимат меафтад ◇ ~ **бы дал (заплати́л)** ҷонамро фидо мекардам; ~ **бы я дал за то, что́бы...** ҷонамро фидо мекардам, агар...; ~ **отда́ть (прода́ть) свою́ жизнь** беҳуда ҷон нисор накардан, ба осонӣ ҷон надодан; **лю́бо-до́рого** чӣ хуш аст; **не** ~ **возьмёт** ин кор барои вай ҳеҷ гап не

дорогови́зна *ж* қиматӣ, гаронӣ

доро́гой *нареч.* дар [байни] роҳ, рафтуравон, асноi мусофират (сафар); ~ **поговори́м** рафтуравон гап мезанем

дорог||о́й, -а́я, -о́е (до́рог, -а́, -о) 1. *прям., перен.* қимат, гарон, қиматбаҳо, гаронбаҳо; ~**и́е ве́щи** чизҳои гаронбаҳо; **по** ~**о́й цене́** бо нархи қимат; **ва́ши сове́ты для меня́ до́роги** маслиҳатҳои шумо барои ман қиматанд 2. азиз, меҳрубон; ~**о́й друг** дӯсти меҳрубон; **мы ра́ды** ~**и́м гостя́м** мо аз омадани (ташрифи) меҳмонони азиз хурсандем 3. *в знач. сущ. обращ.* **дорого́й** *м* ёрам, бародар, дӯстам, азизам; **дорога́я** *ж* дугонаҷон, азизам, ҷонам ◇ ~**о́й цено́й доста́**

лось қимат афтодааст; осон ба даст надаромадааст

дорогостоящ||ий, -ая, -ее қиматбаҳо, гаронбаҳо, қимат, гарон; **~ие вещи** чизҳои қиматбаҳо

дородность *ж см.* **дородство**

дородный, -ая, -ое (дород|ен, -на, -но) тануманд, тановар, чорпаҳлу, калонҷусса; **~ мужчина** марди тануманд

дородств||о *с* 1. танумандӣ, тановарӣ, чорпаҳлуӣ, калонҷуссагӣ 2. *уст. (доблесть)* далерӣ, мардонагӣ, ҷавонмардӣ

дорожать *несов.* қимат (гарон) шудан

дороже 1. *сравн. ст. к* **дорогой** *и к* **дорого** азизтар, меҳрубонтар; **труд специалиста ~ ценится** қадри меҳнати мутахассис баланд аст; **~ всего** аз ҳама азизтар; **он для меня ~ всех** вай барои ман аз ҳама азизтар аст ◇ **себе ~ станет (стоит)** ≈ мурда кирои гиристан намекунад

доро́женька *ж уменьш.-ласк. к* **дорога** роҳча, роҳак, пайроҳа

дорож||ить *несов. кем-чем* қимат (гарон, ғанимат) донистан, бақадр шумурдан, қадри чизеро донистан, ба қадри чизе расидан; **я ~у вашим мнением** фикри шуморо мӯътабар (қимат) медонам; **~ить своим временем** вақти худро ғанимат донистан; **он ~ит своим честным именем** ӯ номи некашро қадр мекунад, вай ба қадри номи неки худ мерасад

дорожк||а *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **дорога** роҳча, роҳак, роҳи хурд 2. пайроҳа, роҳи борик; **~и сада усыпаны песком** ба пайроҳаҳои боғ рег пошида шудааст; **лесная ~а** пайроҳаи ҷангал; **искусственная ледовая ~а** роҳи яхмолаки сунъӣ; **расчистить ~и в парке** пайроҳаҳои чорбоғро тоза кардан 3. *спорт.* роҳ; **беговая ~а** роҳи пойга *(роҳи даверодавр дар стадион)* 4. *(половик)* пойандоз // *(узкая скатёрка)* дастархони курок 5. *рыб.* дорожка *(як хел шасти моҳигирӣ)*; **на ~у ловят обычно с лодки** бо дорожка одатан аз заврақ моҳӣ медоранд ◇ **встретиться на узкой ~е** сояи ҳамдигарро аз девор тарошидан

дорожник *м* роҳсоз, коргари роҳ

дорожн||ый, -ая, -ое 1. роҳӣ, ...и роҳ; **~ые покрытия** фарши роҳ; **~ые знаки** аломатҳои роҳ; **~ый мастер** устои роҳ; **~ые работы** корҳои роҳсозӣ 2. роҳӣ, сафарӣ, ...и роҳ, ...и сафар; **~ые впечатления** таассуроти сафар; **~ый костюм** либоси сафарӣ; **~ые принадлежности** лавозимоти сафар 3. *в знач. сущ.* **дорожный** *м уст. (путник)* роҳакӣ, роҳгузар

дорсальный, -ая, -ое *лингв.* дорсалӣ *(овози пуштизабонӣ)*

дортуар *м уст.* хобгоҳи умумӣ *(барои талабагони мактабҳои пушида)*

дорубать *несов. см.* **дорубить**

дорубить *сов. что* буридан, бурида тамом кардан, кафонда шудан; **~ дрова** ҳезумро кафонда шудан

дорубка *ж (по знач. гл.* **дорубить***)* бурида (кафонда) тамом кардан(и)

доругаться *сов. прост.* 1. ҷангу ҷанҷол карда шудан, ҷангу ҷанҷолро тамом кардан 2. ҷангу ҷанҷол карда (дашном дода) ба ҳолати ногувор афтидан; **~ до хрипоты** то хиррӣ шудан ҷангу ҷанҷол кардан

доругиваться *несов. см.* **доругаться**

дорывать I *несов. см.* **дорвать**

дорывать II *несов. см.* **дорыть**

дорываться I *несов.* 1. *см.* **дорваться** I; 2. *страд.* тамом дарронда шудан

дорываться II *несов.* 1. *см.* **дорыться**; 2. *страд.* то охир кофта (канда) шудан

дорыть *сов. что* то охир кофтан (кандан), кофта (канда) тамом кардан; **~ канаву** ҷӯйбор кофта тамом кардан, ҷӯйбор кофта шудан

дорыться *сов.* кофта (канда) ба чизе расидан; **~ до грунтовых вод** заминро то баромадани об кофтан

досад||а *ж* 1. алам, рағм, афсӯс, дареғ; **с ~ы, с ~ой** аз шиддати алам; бо алам, бо таассуф; **скрыть (подавить) ~у** аламро ошкор накардан; **ответить с ~ой** бо алам ҷавоб додан; **~а берёт (разбирает)** алам мекунад 2. *в знач. сказ. (чаще с мест. «какой», «такой» и т. п.):* **какая (такая, экая) ~а!** ҳай!, дареғ!, афсӯс!

досадить I *сов. кому* қасдан безор кардан, ба танг овардан, алам гирифтан

досадить II *сов. что* шинонда тамом кардан, шинонда шудан *(ниҳол, кӯчатҳоро)*

досадно *в знач. сказ. безл.* афсус [аст], ҳайф [аст], аламовар [аст]; **~, что он не пришёл** афсӯс, ки вай наомад

досадн||ый, -ая, -ое (досад|ен, -на, -но) аламовар, ҳасратовар; **это ~ое недоразумение** ин ғалати таассуфангез аст

досадовать *несов.* афсӯс хӯрдан, ҳасрат кардан

досаждать *несов. см.* **досадить** I

досаживать *несов. см.* **досадить** II

досаливать *несов. см.* **досолить**

досаливаться *несов.* 1. *см.* **досолиться**; 2. *страд.* боз намак зада шудан

досасывать *несов. см.* **дососать**

досверливать *несов. см.* **досверлить**

досверлить *сов. что* парма карда шудан, то охир парма кардан

досевать *несов. см.* **досеять**

досеваться *несов. страд.* то охир кошта шудан

досеивать(ся) *несов. см.* **досевать(ся)**

доселе *нареч. уст.* 1. *(доныне)* то ин вақт, то ҳозир, то ҳол, то кунун 2. *обл. (досюда)* то ин ҷо

досеять *сов. что* 1. кошта тамом кардан, кошта шудан, то охир коштан; **~ лук** пиёзро кошта шудан 2. тоза бехтан, бехта шудан, бехта тамом кардан; **~ муку** ордро тоза бехтан

досидеть *сов.* нишаста мондан, то охир нишастан; **~ до вечера** то бегоҳ нишаста мондан; **~ до конца заседания** то охири маҷлис нишастан

досиде||ться *сов. разг.* 1. *см.* **досидеть**; 2. бисьёр нишаста ба ягон ногуворӣ гирифтор шудан; **он в гостях ~лся до того, что опоздал на метро** дар меҳмонӣ бисьёр нишаста, аз метро монд

досиживать(ся) *несов. см.* **досидеть(ся)**

досиня *нареч.* то кабуд шудан; **~ белая рубашка** куртаи сап-сафед

доска *ж* 1. тахта; **дубовая ~** тахтаи булут; **пилить лес на доски** чӯбро барои тахта арра кардан; **забор из досок** девори (тавораи) тахтагин 2. лавҳа, тахта; **медная ~** лавҳаи мисин; **мраморная ~** лавҳаи мармар; **чертёжная ~** тахтаи нақшакашӣ ◇ **[классная] ~** тахтаи синф; **~ почёта** тахтаи фахрӣ, лавҳаи ифтихор; **мемориальная ~** лавҳаи ёдгорӣ; **наборная ~** *полигр.* тахтаи ҳуруфчинӣ; **шахматная ~** тахтаи шоҳмот (шатранҷ); **в доску** *прост.* тамоман, комилан; **пьян в доску** тамоман маст, масти лояъқил; **свой в доску** *прост.* аз они худӣ; **до гробовой доски** то мурдан, то дами вопасин; **как ~ худой** чӯб барин қоқ; **от доски до доски (прочитать, выучить)** аз сар то по, аз аввал то охир (хондан, ёд гирифтан); **ставить на одну доску кого с кем (что с чем)** баробар кардан, ба як қатор мондан; **их нельзя ставить на одну доску** онҳоро баробар кардан мумкин нест; **стать на одну доску с кем-л.** ба касе баробар шудан

доскабливать *несов. см.* **доскоблить**

доскабливаться *несов. страд.* тарошида шудан

досказать *сов. что* нақл (ҳикоя) кардан, гап зада шудан, гуфта тамом кардан, нақл карда шудан; **~ рассказ** ҳикоятро тамом кардан; **~ сказку до середины** афсонаро то нисфаш нақл кардан

досказывать *несов. см.* **досказать**

доскака||ть *сов.* ҳаллосзанон (ҳаллос зада, ҷастухез карда) расидан; **дети ~ли до ворот** бачаҳо ҳаллосзанон (ҷастухез карда) то назди дарвоза расиданд; **лошадь ~ла до оврага** асп тохта то ҷарӣ расид

доскакаться *сов. разг.* бисьёр ҷастухез карда ба ҳолате афтидан

доскакивать *несов. см.* **доскакать**

доскоблить *сов. что* тарошидан, то охир тарошидан; **~ доску** тахтаро то охир тарошидан; **~ до дыр** то сӯрохшавӣ тарошидан

доскоблиться *сов.* тарошида-тарошида то ҷое расидан

досконально *нареч.* муфассалан, пурра, комилан; нукта ба нукта; **мне ~ всё известно** ҳамааш ба ман пурра маълум аст

доскональность *ж* муфассал будан(и), пуррагӣ, тафсилот

доскональн||ый, -ая, -ое (доскона|лен, -льна, -льно) муфассал, нукта ба нукта, пурра, батафсил, дақиқ; **~ое изучение**

вопро́са пурра омўхтани масъала; **~ый разбо́р де́ла** тафтиши муфассали кор; **~ые све́дения** маълумоти муфассал

доскочи́ть *сов. разг.* чаҳида (ҳаллос зада, хез зада) расидан

доскреба́ть *несов. см.* **доскрести́**

доскреба́ться *несов.* 1. *см.* **доскрести́сь**; 2. *страд.* то охир тарошида шудан

доскрести́ *сов. что разг.* тарошидан, харошидан, то охир тарошидан, тарошида тоза кардан; **~ сковородку** тобаро тарошида тоза кардан

доскрести́сь *сов. разг.* тарошида-тарошида (харошида-харошида) ба ҳадде расидан

досла́ть *сов. что* 1. бар илова (боз) фиристодан; **~ оста́вшиеся де́ньги** боқимондаи пулро фиристодан 2. *воен.* ҷой кардан, ҷойгир кардан; **~ патро́н в патронник** тирро ба тирдон ҷой кардан

досле́дование *с* (*по знач. гл.* **доследовать**) тафтиши иловагӣ, боз тафтиш кардан(и); **направить де́ло на ~** корро барои тафтиши иловагӣ фиристодан

досле́довать *сов. что юр.* тафтиши иловагӣ гузарондан, боз тафтиш кардан; **~ де́ло** корро боз тафтиш кардан

досло́вно *нареч.* айнан, ҳарф ба ҳарф, калима ба калима; **передать разгово́р ~** суҳбатро айнан нақл кардан

досло́вность *ж* айнан будан(и), ҳарф ба ҳарф (калима ба калима) будан(и)

досло́вный, -ая, -ое ҳарф ба ҳарф, калима ба калима, айнан, таҳтуллафз[ӣ]; **~ перево́д** тарҷумаи таҳтуллафз

дослу́живать(ся) *несов. см.* **дослужи́ть(ся)**

дослужи́ть *сов.* 1. *что и без доп.* [то вақти муайян] хизмат кардан, боз хизмат кардан; **~ до ста́рости** то пирӣ хизмат кардан; **до пе́нсии оста́лось ~ оди́н год** то ба нафақа баромадан боз як соли хизмат монд 2. *что церк.* ибодатро тамом кардан (ба охир расондан); **~ всено́щную** ибодати шабонаро тамом кардан

дослужи́ться *сов.* хизмат карда комьёб шудан, хизмат карда ба мартабае ноил гардидан; **~ до майо́ра** хизмат карда то рутбаи майор расидан

дослу́шать *сов. кого-что* гуш кардан, то охир гуш кардан; **~ ле́кцию** маърузаро то охир гуш кардан; **~ расска́з то́лько до полови́ны** ҳикояро фақат то нисфаш гуш кардан

дослу́шаться *сов. разг.* дуру дароз гуш карда ба ягон ҳолат афтидан

дослу́шивать *несов. см.* **дослу́шать**

дослу́шиваться *несов.* 1. *см.* **дослу́шаться**; 2. *страд.* то охир гуш карда шудан

досма́ливать *несов. см.* **досмолить**

досма́тривать *несов.* 1. *см.* **досмотре́ть**; 2. *что* аз назар гузарондан, тафтиш кардан; **~ гру́зы** борро аз назар гузарондан

досмея́||ться *сов. разг.* бисьёр хандида ба ҳолате расидан: **он ~лся до слёз у** чунон хандид, ки оби чашмонаш баромад

досмоли́ть *сов. что* молидан, то охир қатрон молидан, қатрон молида шудан; **~ ло́дку** ба қаиқ қатрон молида шудан

досмо́тр *м* 1. (*по знач. гл.* **досмотре́ть**) дидабароӣ, назорат; **поручи́ть кому́-л. ~ за детьми́** назорати бачаҳоро ба касе супурдан 2. азназаргузаронӣ, тафтиш; **тамо́женный ~** тафтиши боҷхона

досмотре́||ть *сов.* 1. *что* то охир дидан, дида баромадан, то охир аз назар гузарондан (тамошо кардан); **~ть кни́жку** китобро то охир дида баромадан; **~ть вы́ставку** намоишгоҳро то охир тамошо кардан; **~ть пье́су до тре́тьего де́йствия** пьесаро то пардаи сеюм тамошо кардан 2. *за кем-чем и без доп. чаще с отриц.* нигоҳубин (нигоҳдорӣ) кардан; **ня́ня не ~ла за ребёнком** доя ба кудак дуруст нигоҳубин накард; **инжене́р не ~л, и в вычисле́ния вкра́лась оши́бка** инженер диққат надод ва дар ҳисоб хатое рафт

досмо́трщик *м* назоратчии боҷхона

досо́л *м* (*по знач. гл.* **досоли́ть**) боз намакзанӣ

досоли́ть *сов. что* намак зада шудан; **~ огурцы́** бодирингро намак зада шудан // (*посолить дополнительно*) боз намак задан (андохтан); **~ ка́шу** ба шавла боз намак андохтан

досоли́||ться *сов.* намакин шудан, намак хурдан; **огурцы́ ~лись** бодиринг намак хурдааст

досо́лка *ж разг. см.* **досол**

дососа́||ть *сов. что* [тамом] макидан, макида шудан; **ребёнок ~л молоко́** бача ширро тамом макид

досо́хнуть *сов.* хушк шудан, тамоман хушк шудан, хушкида рафтан

доспа́||ть *сов. разг.* 1. *что и без доп.* хобидан, то охир хобидан, дуруст хобидан; **~ть э́ту ночь мне не удало́сь** ман ин шаб дуруст хобида натавонистам; **~ть до утра́** то саҳар хобидан 2. *чаще с отриц.* (*выспаться*) аз хоб сер шудан; **он сего́дня не ~л** вай имруз аз хоб сер нашуд

доспева́ть *несов. см.* **доспе́ть** 1

доспе́||ть *сов. разг.* 1. пухтан, тамом пухтан, пухта расидан; **фру́кты ещё не ~ли** мева ҳануз напухтааст // *обл.* (*о кушаньях*) пухтан, тайёр шудан; **жарко́е ~ло** гуштбирьён пухт 2. *уст.* (*о времени*) расидан, омадан (*оид ба вақт*)

доспе́хи *мн.* 1. либосу аслиҳаи ҷангӣ; **ры́царские ~** либосу аслиҳаи рыцарьҳо; **боевы́е ~** либосу аслиҳаи ҷангӣ 2. *перен. шутл., ирон.* асбобу афзол

доспо́ри||ть *сов. разг.* мубоҳиса карда шудан, мубоҳисаро тамом кардан (ба анҷом расондан); **~м в сле́дующий раз** мубоҳисаро дафъаи дигар ба охир мерасонем

доспо́риться *сов. разг.* бисьёр мубоҳиса карда ба бало мондан; **~ до дра́ки** бисьёр мубоҳиса карда даст ба гиребон шудан

доспроси́ть *сов. кого-что* пурсуков кардан, то охир пурсидан

досро́чно *нареч.* пеш аз мўҳлат, пеш аз вақт; **~ зако́нчить рабо́ту** корро пеш аз муҳлат тамом кардан

досро́чн||ый, -ая, -ое ...и пеш аз муҳлат; **~ое выполне́ние пла́на** иҷрои пеш аз муҳлати план (нақша)

достава́||ть *несов. см.* **доста́ть**; **э́того то́лько не ~ло** *разг.* фақат инаш монда буд, фақат ҳаминаш иамерасид ◇ **~ть кашта́ны из огня́** кори душворро ба нафъи дигарон кардан

достава́ться *несов.* 1. *см.* **доста́ться**; 2. *страд.* пайдо карда шудан, ёфта шудан

доста́вить *сов.* 1. *кого-что, чего* расондан, бурда (оварда) расондан, бурда (оварда) додан; **~ на́ дом** ба хона бурда додан; **~ в це́лости** бекаму кост расондан // *что* супурдан, расондан, бурда расондан; **~ све́дения к сро́ку** маълумотро дар муҳлаташ расондан 2. *что* додан, имкон додан; **~ слу́чай убеди́ться** барои бовар ҳосил кардан фурсат додан 3. *что* боис шудан, бахшидан; **~ мно́го хлопо́т** ташвиш додан; **~ удово́льствие** ҳаловат бахшидан

доста́вк||а *ж* (*по знач. гл.* **доста́вить** 1) расондан(и), бурдарасонӣ, овардарасонӣ; **~а газе́т и пи́сем** бурдарасонии рузномаю мактубҳо; **~а биле́тов на́ дом** ба хона расондани билетҳо; **уплати́ть за ~у чего́-л.** музди оварда расондани чизеро додан

доставле́ние *с* (*по знач. гл.* **доста́вить** 1, 3) расондан(и), бурдарасонӣ, овардарасонӣ; боис шудан(и); **~ све́дений** расондани маълумот

доставля́ть *несов. см.* **доста́вить**

доста́вщик *м* расонанда, оваранда, баранда, қосид

доста́вщица *женск. к* **доставщик**

доста́ивать(ся) *несов. см.* **достоя́ть(ся)**

доста́т||ок *м* 1. осудаҳолӣ, серобӣ, серию пурӣ, неъмат; **семья́ сре́днего ~ка** оилаи миёнаҳол; **жить в ~ке** осудаҳол зистан 2. *разг.* фаровонӣ, фаровон будан(и); **това́ры име́ются в ~ке** мол фаровон аст 3. *мн.* **доста́тки** *разг.* (*доход*) бозьёфт, даромад, дороӣ

доста́точно 1. *нареч.* ба қадри кифоя, бисьёр, хеле, ба дараҷаи кофӣ; **~ си́льный** бисьёр (ба қадри кифоя) зур 2. *в знач. сказ. безл.* басанда (бас, кифоя) аст, кофист; **э́того вполне́ ~** ҳаминаш басанда [аст]; **у него́ бы́ло ~ вре́мени для заня́тий** вай барои машғулият ба қадри кифоя вақт дошт; **~ бы́ло взгляну́ть, что́бы поня́ть** барои фаҳмидани масъала як нигоҳ бас буд ◇ **~!** бас аст!; **~, замолчи!** бас аст, хомуш шав!

доста́точность *ж* 1. басандагӣ, кифоят, кифоя будан(и); **~ до́водов** басандагии далелҳо 2. *уст.* (*зажиточность*) осудаҳолӣ, дороӣ

доста́точн||ый, -ая, -ое (достаточ|ен, -на, -но) 1. басанда, кифоякунанда,

кофй; ~ый срок мухлати кофй (басанда); ~ый **запас продовольствия** захираи кифоякунандаи озуқа 2. асоснок, кофи; ~ые **основания** далелҳои кофӣ; ~ые **причины** сабабҳои асоснок 3. *уст.* осудаҳол, бадавлат

достать *сов.* 1. *что* гирифтан, баровардан, берун овардан; ~ **книгу с полки** китобро аз рафча гирифтан; ~ **платок из кармана** руймолчаро аз киса баровардан 2. *до кого-чего, чего* расидан, расондан; ~ **рукой до потолка** даст ба шифт расондан 3. *что, чего* гирифтан, пайдо кардан, ба даст даровардан, ёфтан; ~ **билет в театр** ба театр билет гирифтан; ~ **денег на поездку** барои сафар пул пайдо кардан 4. *безл. чего разг.* кифоя (кофӣ, басанда, бас) будан; **знаний у него достанет** донишаш басандааст; **у него смелости не достанет** у чандон ҷасур нест, ҷуръаташ камӣ мекунад ◇ ~ **из-под земли** аз ҳаво офаридан; аз таги замин пайдо кардан; ~ **со дна морского (моря)** аз таки замин бошад ҳам ёфтан; **рукой не ~ (не достанешь)** дастнорас будан, даст кутоҳӣ мекунад

доста||ться *сов. кому-чему* 1. расидан, афтодан, ба даст даромадан; **дом ~лся ему по наследству** хона ба вай мерос монд // *безл. (выпасть на долю)* мондан, афтодан, тасодуф шудан; **ему ~лось отвечать первому** тасодуф шуд, ки якум у бояд ҷавоб диҳад 2. *безл. разг. (получить нагоняй)* ҷазо дидан, гап шунидан; **ему ~нется за опоздание** вай барои бевақт монданаш гап мешунавад // *(о неприятностях, затруднениях)* машаққат (азоб) кашидан, дар ташвиш мондан; **во время шторма морякам сильно ~лось** баҳрчиён дар вақти туфон сахт азоб кашиданд

достигать *несов. см.* **достигнуть**

достигаться *несов. страд.* ба даст оварда шудан, ноил (комьёб) шудан

достигнуть *сов.* 1. *чего и уст. до чего* расидан, рафта расидан, омадан; **лодка достигла берега** заврақ ба соҳил рафта расид // *(о звуках, слухах и т. п.)* омада расидан, ба гуш расидан 2. *чего и уст. до чего (о размере, весе и т. п.)* расидан, то ҳадде расидан; **мороз достиг сорока градусов** сармо то ба чил дараҷа расид; **техника достигла высокого уровня** техника ба савияи хеле баланд расид; **трава достигла человеческого роста** алаф бо қади одам баробар шуд, алаф як қадди одам баланд шуд 3. *чего (о возрасте)* расидан; ~ **старости** ба дами пирӣ расидан; ~ **совершеннолетия** ба балоғат расидан 4. *чего* комьёб шудан, ноил шудан, расидан; ~ **согласия** ба созиш омадан; ~ **больших успехов** ба муваффақиятҳои бузург комьёб шудан, комьёбиҳои бузург ба даст овардан; ~ **цели** ба мақсад расидан // *кого-что уст. (догнать)* расида гирифтан, давида расидан

достижени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **достигнуть** 1, 3, 4) расидан(и), комьёбшавӣ, ноилшавӣ; **настойчивость в ~и цели** исроркорӣ дар роҳи расидан ба мақсад 2. муваффақият, комьёбӣ, пешрафт, барор; **большие ~я в области культуры** муваффақиятҳои бузурги соҳаи маданият; ~**я науки и техники** комьёбиҳои илм ва техника

достижимость *ж* дастрас будан(и), имконпазирӣ; ~ **вершины** дастрас будани қулла

достижим||ый, -ая, -ое (достижим, -а, -о) дастрас, имконпазир; **это вполне ~о** ин кори комилан имконпазир аст; **легко ~ый** осон, дастрас

достичь *сов. см.* **достигнуть**

досто- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «лоиқ», «шоиста», «сазовор»:* **достопамятный** шоиста; **достопочтенный** мухтарам; **достопримечательный** *шоёни таваҷҷуҳ*

достоверно *нареч.* дуруст, саҳеҳ, аниқ; ~ **известно** аниқ маълум аст; ~ **знать** аниқ донистан

достоверность *ж* дурустӣ, саҳеҳӣ, ростӣ, эътиборнокӣ; ~ **фактов** муътамад будани санадҳо; **проверить ~ сведений** дурустии маълумотро тафтиш кардан

достоверн||ый, -ая, -ое (достовер|ен, -на, -но) дуруст, саҳеҳ, эътиборнок, боэътимод; ~**ые сведения** маълумоти саҳеҳ; **из ~ых источников** аз манбаъҳои боэътимод

достоинств||о *с* 1. эътибор, шаън, қадру қимат, [курбу] манзалат; **чувство собственного ~а** иззати нафс; **держаться с ~ом** шаъну эътибори худро нигоҳ доштан 2. нағзӣ, хубӣ, ҷиҳати хуб, арзандагӣ; ~**о книги** ҷиҳати хуби китоб 3. *в род. и тв.* **достоинства, достоинством** қимат, арзиш, қурб; **облигация ~ом в двадцать рублей** облигацияи бистсумӣ (қиматаш бист сӯм) 4. *уст. (титул, звание)* лақаб, унвон ◇ **оценить по ~у** *кого-что* баҳои сазовор додан

достойно *нареч.* 1. [ба тарзи] сазовор, арзанда, шоиста, муносиб; ~ **ответить кому-л.** ба касе ҷавоби сазовор додан 2. *уст. (с достоинством)* лоиқ, шоиста

достойн||ый, -ая, -ое (досто|ин, -йна, -йно) 1. лоиқ, сазовор, арзанда, шоиста, муносиб; ~**ый уважения** сазовори ҳурмат; ~**ый внимания** лоиқи диққат; ~**ый похвалы** шоистаи таҳсин; ~**ые члены социалистического общества** аъзоёни сазовори ҷамъияти социалистӣ 2. муносиб, шоиста, ҳаққонӣ; ~**ая награда** мукофоти шоиста 3. муносиб; **она ему ~ая пара** вай ба у муносиб аст 4. *уст.* муҳтарам, муътабар; ~**ый человек** одами муътабар

достопамятн||ый, -ая, -ое (достопамят|ен, -на, -но) *уст.* шоиста, фаромушнашуданӣ, фаромушнашаванда; ~**ая встреча** вохӯрии фаромушнашаванда // *(об умершем)* раҳматӣ, шодравон, марҳум

достопочтенн||ый, -ая, -ое (достопочтен|ен, -на, -но) *уст. и ирон.* мухтарам, муътабар; ~**ые читатели!** хонандагони мухтарам!

достопримечательност||ь *ж* ҷои тамошобоб (сазовори тамошо, шоёни диққат); чизи диданӣ; **осматривать ~ Москвы** ҷойҳои шоёни диққати Москваро тамошо кардан

достопримечательный, -ая, -ое (достопримечате|лен, -льна, -льно) шоёни таваҷҷуҳ, диққатангез; лоиқи тамошо, дидани; диққатангез; ~ **случай** воқеаи ҷолиби таваҷҷуҳ

достояние *с* моликият, дорой, сарват; **всенародное** ~ сарвати умумихалқӣ

достоять *сов. что, до чего* истодан. то охир истодан, ягон муддат истодан; ~ **вахту** то охири вахта истодан; ~ **до восьми часов** то соати ҳашт истодан

достояться *сов. разг.* дуру дароз истода ба ҳолате дучор шудан

достраивание *с см.* **достройка**

достраивать несов. см. достроить

достраиваться *несов.* 1. *см.* **достроиться**; 2. *страд.* сохта тамом карда шудан

достреливать *несов. см.* **дострелять**

дострелять *сов. кого-что* паррондаро тамом кардан, то ба ҳадде паррондан; ~ **последние патроны** тирҳои охиринро парронда тамом кардан

дострига́ть *несов. см.* **достричь**

дострига́ться *несов.* 1. *см.* **достричься**; 2. *страд.* тарошида тамом карда шудан

достричь *сов. кого-что* тарошида тамом кардан, тарошида шудан, қайчӣ карда шудан; ~ **овец** пашми гусфандҳоро тарошида шудан

достричься *сов.* муи худро қайчӣ карда шудан

достроить *сов. что* сохта тамом кардан, то охир сохтан, сохтмонро ба анҷом расондан, буд кардан; ~ **дом** хонаро буд кардан

достроиться *сов.* буд шудан *(оид ба иморат)*

достройка *ж* *(по знач. гл.* **достроить**) сохта тамом кардан(и), сохтмонро ба анҷом расондан(и), буд кардан(и) *(по знач. гл.* **достроиться**) буд шудан(и)

достукаться *сов. прост.* ба сари худ бало (фалокат) овардан, дарди сар ба худ харида гирифтан

доступ *м* 1. роҳ; **сугробы закрыли ~ к сараю** барфтудаҳо роҳи анборро банд кардаанд 2. даромадан(и); ~ **свежего воздуха в помещение** ба хона даромадани ҳавои тоза 3. ҳуқуқи даромадан; ҳуқуқ, рухсат, иҷозат; **иметь ~ на завод** ҳуқуқи заводдарой (ба завод даромадан) доштан; **иметь ~ в чей-л. дом** ба хонаи касе рафтуо доштан; **получить ~ к архивным документам** барои истифодаи ҳуҷҷатҳои архив иҷозат гирифтан // *(впуск)* даромадан(и); ~ **в музей прекращён** даромадан ба музей қатъ шудааст ◇ **найти ~ к чьему-л. сердцу (к сердцу кого-л.)** ба дили касе роҳ ёфтан

доступно *нареч.* осонфаҳм, содда. фаҳмо; ~ **излагать** фаҳмо баён кардан

доступность *ж* 1. *(местности и т. п.)* дастрас будан(и) 2. *перен.* фах-

мо будан(и); ~ изложе́ния фаҳмо будани баёнот 3. *(цен, товаров)* арзон будан(и) 4. дастрас будан(и); ~ **образования** дастрас будани маълумот 5. *(простота в обращении)* хоксорӣ

досту́пн||ый, -ая, -ое (досту́п|ен, -на, -но) 1. *(о местности и т. п.)* гузаштащаванда, одамгузар, дастрас 2. *перен.* осон, фаҳмо; **~ое изложе́ние** баёноти фаҳмо 3. арзон; **~ые цены** нархҳои арзон 4. дастрас; **музе́и ~ы для широ́ких масс** музейҳо барои оммаи васеъ дастрас мебошанд 5. *(простой в обращении)* содда, хоксор ◇ **~ый зре́нию (гла́зу)** аён, намоён, намудор

достуча||ться *сов. разг.* тақ-тақ карда ҷеғ задан (шунавондан); **они́ так кре́пко спа́ли, что мы едва́ ~лись** онҳо чунон сахт хоб рафта буданд, ки мо ба зур тақ-тақ карда бедор кардем

досу́г *м* 1. фароғат, вақти дамгирӣ; **в часы ~а** дар соатҳои фароғат 2. *в знач. сказ. кому прост.* фурсат ◇ **на ~е** дар вақти холӣ

досу́ж||ий, -ая, -ее *разг.* 1. ...и бекорӣ; **~ее вре́мя** вақти бекорӣ 2. беҳуда, бемаънӣ, бекора; **~ие разгово́ры** гапҳои беҳуда; **~ий фантазёр** хаёлбоф

до́суха *нареч.* то хушкшавӣ, то хушк шуданаш; **вы́тереть ~** то хушкшавӣ пок кардан

досу́шивать *несов. см.* **досуши́ть**

досу́шиваться *несов. страд.* [тамом] хушконда шудан

досуши́ть *сов.* 1. *что* [тамом] хушкондан, хушконда шудан; **~ оде́жду** либосро тамом хушкондан; **~ бельё** ҷомашуиро хушконда шудан 2. *чего* боз хушкондан; **~ сухаре́й** боз нон қоқ кардан

досчита́ть *сов. кого-что и без. доп.* [то охир] шумурдан, шумурда шудан, шумурда тамом кардан; **~ до́ ста** то сад шумурдан

досчита́ться *сов. кого-чего чаще с отриц.* шумурда баромадан, ҳисоб карда шудан; **не ~ пяти́ книг** шумурда нарасидани панҷ китобро фаҳмидан

досчи́тывать *несов. см.* **досчита́ть**

досчи́тываться *несов.* 1. *см.* **досчита́ться**; 2. *страд.* шумурда тамом карда шудан

досыла́ть *несов. см.* **досла́ть**

досы́лка *ж (по знач. гл.* **досла́ть)** бар илова (боз) фиристодан(и); **~ книг** бар илова фиристодани китобҳо

досыпа́ние *с (по знач. гл.* **досы́пать)** то пуршавӣ рехтан(и), то пуропур шудан андохтан(и)

досы́пать *сов.* 1. *что* то пуршавӣ рехтан (андохтан), рехта пуропур кардан; **~ мешо́к до́верху** ба халта то пур шуданаш рехтан 2. *чего* бар илова (боз) рехтан

досыпа́ть I *несов. см.* **доспа́ть**

досыпа́ть II *несов. см.* **досы́пать**

досыпа́ться *несов. страд.* то пуршавӣ рехта шудан

досы́пка *ж см.* **досыпа́ние**

досы́та *нареч. разг.* то сери, то сершави; **нае́сться ~** то сершавӣ хӯрдан, хӯрда сер шудан // *перен.* бисьёр, мул, серу пур; **~ наговори́ться** бисьёр гап задан

досыха́ть *несов. см.* **досо́хнуть**

досье́ *с нескл. юр.* досье (1. *ҷамъи ҳуҷҷатҳо оид ба ягон масъала, кор ё шахс* 2. *папкаи чунин ҳуҷҷатҳо)*

досю́да *нареч. разг.* то ин ҷо, то ҳамин ҷо; **перепиши́ ~** то ин ҷо руйнавис кун

достига́емост||ь *ж* дастрас будан(и); **быть вне преде́лов ~и** дастнорас будан

достига́ть *несов. см.* **достигну́ть**

достигну́ть *сов. уст. см.* **дости́гнуть** 1, 2

дот *м* (долговременная огнева́я то́чка) *воен.* дот (истеҳкоми доимии оташфишон)

дота́ивать *несов. см.* **дота́ять**

дотанцева́ть *сов. что* то ба охир рақсидан, рақсеро то поён расондан

дотанцева́ться *сов.* бисьёр рақскунон ба ҳолате расидан

дотаска́ть *сов. что прост.* 1. то охир кашондан, кашонда тамом кардан, кашонда шудан; **~ дрова́ в сара́й** ҳезумро ба ҳезумхона кашонда шудан 2. пушида даррондан, кӯҳна (фит) кардан; **~ сапоги́** мӯзаро пӯшида даррондан

дота́скивать I *несов. см.* **дотаска́ть**

дота́скивать II *несов. см.* **дотащи́ть**

дота́скиваться I *несов.* 1. *см.* **дотащи́ться**; 2. *страд.* бурда расонда шудан

дота́скиваться II *несов. страд.* то охир кашонда шудан

дота́ция *ж* дотация *(аз тарафи давлат ба ягон идора, муассиса ё ташкилот бар илова пул ҷудо кардан)*

дотащи́ть *сов. кого-что* бурда расондан, кашонда бурдан; **~ груз** борро бурда расондан ◇ **е́ле (с трудо́м, едва́) ~ но́ги** ба зур рафта расидан, бо машаққат ба ҷое худро расондан

дотащи́ться *сов. разг.* кашола шуда рафта (омада) расидан, ба зӯр худро расондан

дота́я||ть *сов.* тамоман об шудан, об шуда рафтан; **~л после́дний снег** барфи боқимонда тамоман об шуд, ҳамаи барф об шуда рафт

дотека́ть *несов. см.* **дotéчь**

дотемна́ *нареч.* то [фаро расидани] торикӣ, то торик шудани ҳаво, то говгум

дотере́ть *сов. что* молидан, молида шудан

дотерпе́ть *сов.* то охир сабр (тоқат, таҳаммул) кардан, то охир тоб овардан, бардошт кардан

доте́чь *сов.* ҷорӣ шудан, шоридан, рехтан

дотира́ть *несов. см.* **дотере́ть**

дотла́ *нареч.* тамоман, ба куллӣ, комилан; **сгоре́ть ~** тамоман сухтан, сухта хокистар шудан; **разори́ться ~** тамоман муфлис (хонавайрон) шудан, хонабардуш шудан

дотлева́ть *несов. см.* **дотле́ть**

дотле́||ть *сов.* дудкуион сухта тамом шудан; **у́гли ~ли** ангишт дудкунон сухта рафт

дото́ле *нареч. уст. (до тех пор)* то он вақт, то он дам, то он лаҳза

дото́шно *нареч. разг.* кунҷковона, хурдагирона; **~ расспра́шивать** кунҷковона пурсуков кардан

дото́шность *ж разг.* кунҷковӣ, хурдагирӣ; аз ҳад зиёд бодиққат будан(и)

дото́шный, -ая, -ое (дото́ш|ен, -на, -но) *разг.* кунҷков, хурдагир; аз ҳад зиёд диққаткор; **~ челове́к** одами кунҷков

дотра́гиваться *несов. см.* **дотро́нуться**

дотро́ну||ться *сов.* даст задан, ламс кардан, андак расидан; **~ться до руки́** ба даст расидан // *чаще с отриц.* даст кофтан, даст расондан; **никто́ не ~лся до еды́** ҳеҷ кас ба хӯрок даст нарасонд

доту́да *нареч. прост.* то он ҷо

дотя́гивать *несов. см.* **дотяну́ть**

дотя́гиваться *несов.* 1. *см.* **дотяну́ться**; 2. *страд.* бурда расонда шудан; кашол дода шудан

дотяну́ть *сов.* 1. *кого-что* кашондан, кашола карда овардан, бурда расондан; **мы едва́ дотяну́ли ло́дку до бе́рега** мо қаиқро ба зур то соҳил кашола карда овардем 2. кашидан; **~ верёвку до столба́** расанро ба сутун кашидан 3. ба зур рафта расидан; **самолёт е́ле дотяну́л до аэродро́ма** самолёт ба зур то аэродром рафта расид 4. *что разг.* кашол кардан (додан); **~ сда́чу экза́менов до о́сени** супурдани имтиҳонҳоро то тирамоҳ кашол додан 5. *что (допеть)* хондан, сурудан 6. *что и без доп. разг.* вақт гузарондан; **~ до темноты́** то торикшавӣ вақт гузарондан // *(дожить)* зинда мондан, поистан, истодан, расидан; **больно́й не дотя́нет до весны́** бемор то баҳор намерасад (намепояд)

дотяну́||ться *сов.* 1. даст расондан, даст дароз кардан; **~ться руко́й до ве́тки** ба шохаи дарахт даст дароз кардан 2. *(простираясь, достигнуть)* кашол ёфтан 3. *разг.* оқибат (оҳиста-оҳиста) рафта расидан; **обо́з ~лся до села́** аробаҳо оқибат ба деҳа расиданд

доу́чивать *несов. см.* **доучи́ть**

доу́чиваться *несов.* 1. *см.* **доучи́ться**; 2. *страд.* то охир омухта шудан

доучи́ть *сов.* 1. *кого-что* омухта саводнок кардан, ёд дода маълумотнок кардан; **~ дете́й до о́сени** бачагонро то тирамоҳ дар мактаб мондан 2. *что* то охир омухтан (ёд гирифтан, аз ёд кардан); **~ стихотворе́ние** шеърро то охир ҳифз кардан; **~ табли́цу умноже́ния до середи́ны** ҷадвали зарбро то нисфаш ёд гирифтан

доучи́ться *сов.* таҳсил кардан, омузишро тамом кардан, хонданро ба охир расондан, хатми таҳсил кардан; **~ до зимы́** то зимистон таҳсил кардан

дофеода́льн||ый, -ая, -ое тофеодалӣ, ...и пеш аз феодализм; **~ое о́бщество** ҷамъияти тофеодалӣ

дофилосо́фствоваться *сов. разг.* фалсафафурӯширо то ба сафсата расондан

дофи́н *м ист.* дофин *(унвони валиаҳди тахти Франция аз нимаи асри 14 то революцияи июли соли 1830)*

доха́ *ж* пустини абраостар

доха́живать *несов.* охирин рузҳои хомилагиро ба сар бурдан; ~ **после́дние неде́ли бере́менности** охирин хафтаҳон дуҷониро гузарондан

до́хать *несов. прост. (кашлять)* сахт сулфидан

дохлеба́ть *сов. что прост.* хурда тамом кардан, хурда шудан; ~ **суп** шурборо хурда тамом кардан

дохлёбывать *несов. см.* **дохлеба́ть**

до́хл||ый, -ая, -ое 1. *(о животных)* худмурда, хароммурда, лоша; ~**ая ло́шадь** аспи хароммурда 2. *перен. прост. (хилый)* суст, лоғар, беқувват, бемадор, нотавон

дохлятина *прост.* 1. *ж (падаль)* лоша, хароммурда 2. *м, ж перен.* ношуд, миҷморук, чуррук

до́хну||ть *несов. (о животных)* харом мурдан ◇ **му́хи** ~т *погов.* дил ба кафидан мерасад, ниҳоят дилбазан, хеле зиккунанда, дилтангкунанда

дохн||у́ть *сов.* 1. *разг.* як нафас баровардан (гирифтан); ~**й-ка на меня́!** канӣ як нафас барор, бинам 2. *перен.* вазидан; ~**ул сла́бый ветеро́к** боди сабук вазид ◇ ~**у́ть нельзя́ (не́где)** *прост.* нафас рост карда намешавад; ~**у́ть не́когда** нафас рост карда намешавад, дами беғам зада намешавад; **не сметь** ~**у́ть** нафас ях шудан, дам набароварда мондан

дохо́д *м* даромад, дахл; фоида; **национа́льный** ~ даромади миллӣ; **годово́й** ~ даромади солона; ~**ы трудя́щихся** даромади меҳнаткашон; **нало́г на** ~**ы** андози даромадҳо; **трудовы́е** ~**ы** даромадҳои меҳнатӣ; **нетрудовы́е** ~**ы** даромади муфт; **исто́чник** ~**а** манбаи даромад; **приноси́ть** ~ фоида овардан

доход||и́ть *несов. см.* **дойти́**; не ~**я до того́ ме́ста** ба он ҷо нарасида, ба он ҷо наздик нашуда ◇ **ру́ки не дохо́дят** даст намерасад, фурсат нест

дохо́дность *ж* даромаднокӣ, сердаромад будан(и), фоиданокӣ; ~ **предприя́тия** даромаднокии муассиса; **увели́чить** ~ сердаромад кардан

дохо́дн||ый, -ая, -ое 1. ...и даромад; ~**ая часть бюдже́та** қисми даромади буҷет 2. даромаднок, сердаромад, фоиданок, фоидаовар; ~**ое предприя́тие** корхонаи даромаднок

дохо́дчиво *нареч.* фаҳмо, осонфаҳм; ~ **объясня́ть** осон карда фаҳмондан

дохо́дчивость *ж* фаҳмо будан(и), осон будан(и)

дохо́дчив||ый, -ая, -ое (дохо́дчив, -а, -о) зуд фаҳмидашаванда, фахмо, осонфаҳм; ~**ое изложе́ние** баёноти фаҳмо

доцвести́ *сов.* аз гул фуромадан

доцвета́ть *несов. см.* **доцвести́**

доце́нт *м* доцент

доце́нтск||ий, -ая, -ое доцентӣ, ...и доцент; ~**ая до́лжность** вазифаи доцентӣ

доценту́р||а *ж* 1. доцентура *(унвон ва вазифаи доцент)* 2. *собир.* ҳайъати доцентҳо

до́ченька *ж уменьш.-ласк. к* **дочь** духтарча, духтарак, духтарҷон

до́черин *прост. см.* **доче́рний** 1

до́черна *нареч.* то сип-сиёҳ шудан

доче́рн||ий, -яя, -ее 1. ...и духтар, аз они духтар 2. фаръӣ; ~**ие акционе́рные о́бщества** ширкатҳои фаръӣ *(ширкатҳои алоҳидаи мустақили капиталисти, ки аз тарафи ягон ширкатисаҳмдорон ташкил дода шудаанд)*

доче́рнин, -а, -о *прост. см.* **доче́рний** 1

доче́рпать *сов. что* кашидан, кашида баровардан, кашида тамом кардан *(чизи обакиро)*

доче́рпывать *несов. см.* **доче́рпать**

дочерти́ть *сов. что* кашидан, кашида тамом кардан, кашида шудан; ~ **табли́цу** ҷадвалро кашида шудан

доче́рчивать *несов. см.* **дочерти́ть**

доче́рчиваться *несов. страд.* кашида тамом карда шудан

доче́сть *сов. уст. см.* **дочита́ть**

дочи́нивать *несов. см.* **дочини́ть**

дочини́ть *сов. что разг.* то охир дуруст (соз) кардан; ямоқ (дарбеҳ) кардан; ~ **кры́шу** бомро то охир дуруст кардан

до́чиста *нареч.* 1. пок-покиза, то пок шудан, то тамоман покиза шудан; **вы́мыть пол** ~ полро покиза шустан 2. *перен. разг.* пакқос, пок-покиза; **съесть всё** ~ ҳамаро пок-покиза хурдан

дочи́стить *сов. что* пок (тоза) карда шудан, тамоман пок (покиза) кардан; ~ **всю ры́бу** моҳиро тоза карда шудан

дочита́ть *сов. что* хондан, хонда тамом кардан, хонда баромадан, хонда фаровардан; ~ **кни́гу** китобро хонда баромадан; ~ **кни́гу до середи́ны** китобро то нисфаш хондан

дочита́ться *сов. разг.* аз хондани бисёр ба ҳолате афтидан

дочи́тывать *несов. см.* **дочитать**

дочи́тываться *несов.* 1. *см.* **дочита́ться**; 2. *страд.* хонда тамом карда шудан

дочища́ть *несов. см.* **дочи́стить**

дочища́ться *несов. страд.* пок (тоза) карда шудан

до́чка *ж разг.* 1. *см.* **дочь**; 2. *обращ.* духтарак, духтарча, духтарҷон ◇ **ма́менькина** ~ духтари нозпарвард, эркадухтар

до́чкин, -а, -о *разг.* ...и духтар, аз они духтар

дочу́рка *ж уменьш.-ласк. к* **дочь** духтарча

дочь *ж* духтар; **на́званая** ~ духтархонд; **приёмная** ~ духтархонд, духтарандар ◇ ~ **Е́вы** *книжн. шутл.* зани бисёр кунҷков

дошага́ть *сов. прост.* қадам задан, қадам зада расидан

доша́гивать *несов. см.* **дошагнуть**

дошагну́ть *сов.* қадам монда ба ҷое расидан

дошали́ться *сов. разг.* шухӣ карда ягон балоро хезондан

дошва́ривать *несов. см.* **дошвырну́ть** и **дошвырять**

дошвырну́ть *сов. что* ҳаво дода (парронда) расондан; ~ **ка́мень до забо́ра** сангро ҳаво дода ба девор расондан

дошвыря́ть *сов. что прост.* партофта шудан, ҳаво дода тамом кардан; ~ **дрова́ в подва́л** тамоми ҳезумро ба таҳхона партофтан

дошива́ть *несов. см.* **доши́ть**

дошива́ться *несов. страд.* дӯхта тамом карда шудан

доши́ть *сов. что* духтан, духта тамом кардан, духта шудан; ~ **пальто́** пальторо буд кардан

дошко́льник *м* 1. *(ребёнок)* бачаи синни томактабӣ 2. *(педагог)* мураббӣ

дошко́льница *ж* 1. духтарбачаи синни томактабӣ 2. мураббия

дошко́льн||ый, -ая, -ое томактабӣ, пешазмактабӣ, ...и пеш аз мактаб; ~**ое обуче́ние** таълими пешазмактабӣ; ~**ый во́зраст** синни томактабӣ; ~**ые учрежде́ния** муассисаҳои томактабӣ

дошлифова́ть *сов. что* суфта кардан, ҷило додан, ҷилодиҳиро (сайқалдиҳиро) тамом кардан

дошлифо́вывать *несов. см.* **дошлифова́ть**

до́шлый, -ая, -ое *прост. (ловкий, бывалый)* корчаллон, пухта, бало; ~ **па́рень** ҷавони корчаллон

дошля́ться *сов. прост.* бекор (саёқ-саёқ) гашта ба балое мондан

дошути́ться *сов. разг.* бисьёр ҳазл карда ба ягон ҳолати ногувор афтидан

дошу́чиваться *несов. см.* **дошути́ться**

доща́ник *м* завраҷи тагпаҳн

дощано́й, -ая, -ое *уст. см.* **доща́тый**

доща́т||ый, -ая, -ое тахтагин; ~**ая перегоро́дка** тавораи (қатораки) тахтагин; ~**ый забо́р** девори тахтагин

доще́чка *ж уменьш. к* **доска́**

дощипа́ть *сов. что* тоза (покиза) пар кандан

дощи́пывать *несов. см.* **дощипа́ть**

доя́рка *ж* говҷуш, говдуш

драба́нт *м уст. (телохранитель)* посбони (муҳофизи) шахсии фармондеҳ

драви́дский, -ая, -ое ...и дравидҳо, дравидӣ

драви́ды *мн. (ед.* **драви́д** *м)* дравидҳо *(гуруҳи халқҳои Ҳиндустони Ҷанубӣ, ки аз ҷиҳати забон ва маданият ба якдигар хеши доранд)*

дра́га *ж* драга (1. *мошини заршӯӣ* 2. *мошини махсуси заминканӣ барои чуқур кардани таги дарьёҳо, бандарҳо ва ғ.* 3. *асбоби махсуси гидробиологӣ барои тадқиқи ҳайвонот ва набототи қаъри оби кул, дарьё ва ғ.)*

дра́гер *м (рабочий на драге)* коргари драга

драги́ровать *сов., несов. что* бо драга кофтан (чуқур кардан); бо драга берун кашидан; ~ **ре́ку** таги дарьёро бо драга кандан (кофтан)

дра́глайн *м* драглайн, экскаватор, мошини боркаши боркунанда

драго́й, -ая, -ое *уст.* азиз, меҳрубон

драгома́н *м ист.* тарҷумон *(тарҷумони сафоратхонаи ягон давлати Европа дар мамлакатҳои Шарқ)*

драгоманский, -ая, -ое *ист.* ...и тарҷумон, тарҷумонӣ

драгоце́нность *ж* 1. *(ювелирное изделие)* ҷавоҳирот, маснуоти (ашьёи) заргарӣ 2. чизи гаронбаҳо (қиматбаҳо); **э́та карти́на явля́ется** ~ю ин сурат асари гаронбаҳост

драгоце́нн||ый, -ая, -ое (драгоце́н|ен, -на, -но) 1. қиматбаҳо, гаронбаҳо, пурқимат; ~**ый мех** пусти қиматбаҳо; ~**ые пода́рки** туҳфаҳои пурқимат 2. *перен.* муҳим, аҳамиятнок, зарур; **теря́ть** ~**ое вре́мя** вақти пурқиматро зоеъ кардан 3. *перен.* азиз, арҷманд; ~**ый друг** дусти азиз ◇ ~**ые ка́мни** сангҳои қиматбаҳо, ҷавоҳирот

драгу́н *м ист. воен.* драгун *(аскар ё офицери савораи армияи Россияи подшоҳӣ ва баъзе армияҳои хориҷӣ)*

драгу́нск||ий, -ая, -ое *ист. воен.* драгунӣ, ...и драгун; ~**ий полк** полки драгунҳо; ~**ая са́бля** шамшери драгунӣ

дража́йш||ий, -ая, -ее *уст. и ирон.* муҳтарам, меҳрубон, арҷманд; ~**ая полови́на** *шутл.* завҷаи муҳтарам

драже́ *с нескл.* драже *(навъи конфет)*

дразни́ть *несов.* 1. *кого-что* барангехтан, шуронидан, оташин кардан, ба ғазаб овардан; ~ **соба́ку** сагро шуронидан // *(давать обидное прозвище)* лақаб додан (мондан) 2. *что* барангехтан; ~ **аппети́т** иштиҳо оварондан; ~ **любопы́тство** ҳисси кунҷковиро ба ҷунбиш овардан (бедор кардан)

дразни́ться *несов. прост. см.* **дразни́ть** 1

дразня́щий, -ая, -ее *прич., прил.* барангезанда; иштиҳоовар; ~ **за́пах** буи иштиҳоовар

дра́ить *несов. что мор.* чило додан, тоза карда ялтос занондан; ~ **па́лубу** саҳни киштиро ялтос занондан

дра́к||а *ж* занозанӣ, афтударафт, дастбагиребонӣ; **зате́ять** ~**у** занозанӣ сар кардан; **лезть в** ~**у** ба афтударафт даромадан; **де́ло дошло́ до** ~**и** кор ба занозанӣ оид шуд

драко́н *м* 1. *миф.* аждар, аждаҳо // *перен.* девсор, золим, бераҳм 2. *зоол.* сусмори паррон 3. (Д *прописное*) *астр.* Аждаҳо, Тиннин

драко́новск||ий, -ая, -ое *(жестокий)* золимона, бераҳмона, бедодгарона; ~**ие ме́ры** чораҳои золимона; ~**ие зако́ны** қонунҳои бедодгарона

драла: дать (зада́ть) ~ *прост.* гурехтан, по ба даст гирифта гурехтан, думро хода карда гурехтан

драм||а *ж* 1. *лит., театр.* драма; ~**ы Остро́вского** драмаҳои Островский 2. *перен.* фоҷиа, бадбахтӣ, фалокат; **семе́йная** ~**а** моҷарои (кашмакаши) оилавӣ

драматиза́ция *ж (по знач. гл.* **драматизировать)** ба шакли драма даровароидан(и)

драматизи́ровать *сов., несов. что* 1. ба шакли драма даровардан, драма сохтан; ~ **расска́з** аз ҳикоя драма сохтан 2. ҷараёни воқеаро тунду тез кардан, таъсири асарро афзудан, драматизмро тақвият додан; **изли́шне** ~ **роль** драматизми рольро аз ҳад зиёд кардан

драматизи́роваться *несов. страд.* ба шакли драма даровардa шудан

драмати́зм *м* 1. *лит.* драматизм, қуввваи таъсири асар; **пье́са полна́** ~**а** пьеса аз драматизм пур аст 2. *перен.* ҷиддӣ будан(и), сахт (пурхатар) будан(и); ~ **положе́ния** ҷиддӣ (пурхатар) будани вазъият

драмати́ческ||ий, -ая, -ое 1. драмавӣ, ...и драма; ~**ий теа́тр** театри драма; ~**ое произведе́ние** асари драмавӣ; ~**ий актёр** артисти драма 2. *(напыщенный)* пурдабдаба, сохта 3. пуршиддат, пурхатар, фоҷианок, пуртаъсир; ~**ий слу́чай** ҳодисаи фоҷианок 4. *муз.* бақувват, баланд; ~**ий те́нор** тенори бақувват (баланд)

драмати́чность *ж* ҷиддӣ (пуршиддат, таъсирбахш) будан(и); ~ **расска́за** таъсирбахш будани ҳикоя

драмати́чный, -ая, -ое (драмати́ч|ен, -на, -но) *см.* **драмати́ческий** 2, 3

драмату́рг *м* драматург, драманавис, пьесанавис

драматурги́ческ||ий, -ая, -ое драматурги, ...и драматургия; ~**ая де́ятельность** фаъолияти драматурги; ~**ое мастерство́** маҳорати драматурги

драматурги́||я *ж лит.* драматургия; **зада́чи** ~**и** вазифаҳои драматургия; ~**я Го́голя** драматургияи Гоголь; **о́бщий курс** ~**и** курси умумии драматургия

драмкружо́к *м* (драмати́ческий кружок) маҳфили дустдорони драма

драндуле́т *м прост.* фойтуни кӯҳнаи шалақ

дра́н||ка *ж* 1. *собир.* дранка *(тахтаҷаҳои тунуку борике, ки дар сохтмон ба кор меравад)* 2. як дона дранка; **бесе́дка из** ~**ок** шипанги аз дранка сохташуда

дра́ночн||ый, -ая, -ое ...и дранка, дранкагӣ; ~**ое произво́дство** истеҳсоли дранка

дра́н||ый, -ая, -ое *разг.* дарида, порашуда, пора-пора; жанда; ~**ая оде́жда** либоси дарида; ~**ые сапоги́** музаи пора-пора; **он хо́дит весь** ~**ый** вай жандапуш аст ◇ ~**ая ко́шка** *груб. прост.* занаки шағолхоида

дранье́ *с (по знач. гл.* **драть** 1—5) пора кардан(и); кандан(и); лат додан(и)

драп *м* драп *(моҳути ғафс)*; **пальто́ из** ~**а** пальтои драп

дра́пать *несов. груб. прост.* думро хода карда гурехтан, кафшро монда патакро пушидан

драпирова́ние *с см.* **драпиро́вка** 1

драпирова́ть *несов. что* бо парда пушидан (пушондан); ~ **дверь портье́рой** ба дар парда овехтан

драпирова́ться *несов.* 1. *во что, чем* худро ба либоси васеъ печондан; ~ **в плащ** худро ба плащ печондан // *перен.* худнамоӣ (олуфтагӣ) кардан, худро намоиш додан 2. *страд.* бо парда пушида шудан

драпиро́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **драпирова́ть)** бо парда пушидан(и); 2. *(занаве́ска)* парда; **око́нная** ~ пардаи тиреза 3. матои ороишӣ

драпиро́вочн||ый, -ая, -ое ...и зинат, ...и ороиш; ~**ая мастерска́я** устохонаи зинат; ~**ая ткань** матои ороишӣ

драпиро́вщик *м* устои ороишдеҳ, зинатдиҳандаи хона

драпиро́вщица *женск. к* **драпиро́вщик**

дра́пов||ый, -ая, -ое ...и драп; ~**ое пальто́** пальтои драп

драпри́ *с нескл.* пардаи чин-чин (чиндор)

дра́тва *ж* риштаи музадузӣ

драть *несов.* 1. *что разг.* даррондан, пора (пора-пора) кардан; ~ **бума́гу** коғазро пора-пора кардан // *(изнашивать)* пушида фит кардан, бисьёр пушида даррондан; ~ **о́бувь** пойафзолро пушида даррондан 2. *кого-что прост. (о хищных животных)* даррондан, чок-чок (пора-пора) кардан, кафондан; **волк дерёт ове́ц** гург гусфандро медарронад 3. *что* кандан; ~ **лы́ко** лифи дарахтро кандан; ~ **кору́ с де́рева** пусти дарахтро кандан 4. *кого разг.* задан, куфтан, лат додан; ~ **как си́дорову ко́зу** мурданивор (бераҳмона) задан // *(дёргать)* кашидан, тофтан; ~ **за́ уши** гушро тофтан; ~ **за́ во́лосы** аз мӯй кашидан 5. *что* молидан, молида тоза кардан; ~ **спи́ну моча́лкой** тахтапуштро бо лиф молидан 6. *что* сузондан; **горчи́ца дерёт го́рло** хардал гулуро месӯзонад; **в го́рле (во рту) дерёт** *безл.* гулу (даҳан) месузад; **моро́з дерёт лицо́** сармо руйро месузонад (мелесад) 7. *что и без доп.* харошидан; **бри́тва дерёт** поку мехарошад 8. *что и без доп. перен. разг. (дорого брать)* бисьёр қимат фурӯхтан, барзиёд талабидан, харидорро пуст кандан; пора гирифтаи; ~ **втри́дорога** бисьёр қимат (сечанд қимат) фурухтан; ~ **це́ну** нархи баланд мондан, хеле қимат фурухтан 9. *прост.* ғайб задан, ҷуфтак кашида гурехтан; ~ **во все лопа́тки** думро хода карда гурехтан ◇ ~ **го́рло (гло́тку, рот)** *прост.* гулу даррондан; ~ **зу́бы** *прост.* дандон кандан; ~ **крупу́** муқашшар кардан; ~ **на себе́ во́лосы** муи худро кандан, маъюс (навмед) шудан, мӯйканону руйканон шудан; ~ **нос** *перед кем прост.* фук ба осмон кардан; ~ **шку́ру (две шку́ры, семь шкур)** *с кого прост.* пуст кандан; **моро́з по ко́же (по спине́) дерёт** кас ба ларза меафтад, мӯи бадан рост мешавад; **чёрт бы тебя́** (его́, **их** *и т. д.*) **драл, чёрт тебя́** (его́, их *и т. д.*) **дери́** арвоҳ (бало) занад

дра́ться *несов.* 1. занозанӣ кардан, ҳамдигарро задан, даст ба гиребон шудан; **ма́льчики деру́тся** писарбачаҳо занозанӣ мекунанд; ~ **на кула́чках** муштзанӣ (муштҷанг) кардан 2. ҷанг кардан, ҷангидан; ~ **на дуэ́ли** тан ба тан ҷангидан; ~ **на пистоле́тах** бо таппонча тан ба тан ҷанг кардан; ~ **на са́блях** бо шамшер тан ба тан ҷанг кардан, шамшерзанӣ кардан 3. ҷанг (задухурд) кардан; ~ **с враго́м** бо душман задухурд кардан; ~ **до после́дней ка́пли кро́ви** то ҷон дар бадан аст ҷангидан, то охирин чакраи хун ҷанг кардан 4.

разг. *(бить кого-л.)* задан, куфтан, часпидан 5. *за что перен. разг.* мубориза (талош) кардан

дра́хма *ж* дирҳам (1. *танга, сиккаи нуқра, пули нуқра ё тилло* 2. *воҳиди вазн баробари 3,73 г)*

драце́на *ж бот.* шиён *(хели растании буттагӣ)*

драч *м (рубанок)* рандаи калон

дра́чка *ж прост. уменьш.-уничиж. к* **дра́ка** манша, хархаша

драчли́вость *ж* ҷангарагӣ, арбадакорӣ

драчли́вый, -ая, -ое (драчли́в, -а, -о) ҷангара, ҷанҷолӣ, арбадакор; ~ **пету́х** хурӯси ҷангара

драчу́н *м* ҷангара, ҷанҷолӣ, арбадаҷу

драчу́нья *женск. к* **драчу́н**

дребеде́нь *ж разг.* 1. *собир.* чизҳои майдаи бекора 2. *(вздор)* сафсата, ёва, гапи беҳуда, ҳарза, дуруғ

дре́безг *м:* **с ~ом** ҷарангос зада, бо ҷарангос; **разби́ть в ме́лкие ~и** шикаста чил-чил (чинга-чинга) кардан, гард-гард кардан; **разби́ться в ~и** шикаста чил-чил (чинга-чинга) шудан, гард-гард шудан

дребезжа́ние *с* (*по знач. гл.* **дребезжа́ть**) ҷарангосзанӣ, ҷаранг-ҷаранг кардан(и); *(звуки)* ҷарангос; ~ **стёкол** ҷарангосзании шишаҳо

дребезжа́||ть *несов.* ҷарангос задан, ҷаранг-ҷаранг кардан; **стёкла ~ли** шишаҳо ҷарангос мезаданд // *(о голосе, звуке)* хиррӣ будан (шудан); **его́ го́лос ~л** овози вай хиррӣ (хаста) буд

древеси́н||а *ж* 1. мағзи чӯб; **~а ду́ба** мағзи дарахти булут 2. *собир.* чӯб; **сплав ~ы** чубкашонӣ ба воситаи дарьё

древеси́нн||ый, -ая, -ое чуби, чубин, ...и чӯб; **~ая часть ствола́** мағзи танаи дарахт

древесинове́дение *с* чубшиносӣ *(илме, ки сохт ва хусусиятҳои химиявӣ, физики ва механикии чӯбро меомӯзад)*

древе́сница *ж зоол.* 1. кирми чуб 2. қурбоққаи дарахтӣ

древе́си||ый, -ая, -ое чӯбӣ, чубин, ...и дарахт, ...и чуб; **~ый ство́л** танаи дарахт; **~ая кора́** пӯсти дарахт; **~ые поро́ды** ҷинсҳои дарахт; **~ая ма́сса** хамираи чуб; **~ая смола́** қатрони дарахт; **~ый спирт** спирти чуб; **~ый у́голь** ангишти чуб; ангишти дуоташа; **~ая лягу́шка** қурбоққаи дарахтӣ

дре́вко *с* ходa, даста; ~ **знамени** дастаи байрақ; ~ **копья́** дастаи найза

дре́вле *нареч. уст.* *(в старину)* дар замони қадим, дар қадим (гузашта), дар қадимулайём

древля́не *мн. ист.* древлянҳо *(қабилаи славянҳои қадим)*

древне- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «қадим»:* **древнеру́сский** ...и Руси Қадим, қадими русӣ; **древнегре́ческий** ...и Юнони Қадим, қадими юнонӣ

дре́вн||ий, -яя, -ее 1. қадим(а), қадимӣ, дерина, (куҳна); **~ий обы́чай** анъанаи қадим; **~яя ру́копись** дастнависи қадима (куҳна); **~ие па́мятники иску́сства** осори қадими санъат; **в ~ие времена́** дар замонҳои қадим; **~ие гре́ки** юнониҳои қадим; **Дре́вняя Русь** Руси Қадим 2. *в знач. сущ.* **дре́вние** *мн.* халқҳои қадим, қадимҳо 3. *(очень старый)* кӯҳна, хеле кӯҳна, кӯҳансол; **~ие ли́пы** дарахтҳои кӯҳансоли зирфун // *(дряхлый)* фартут, нотавон; **~ий стари́к** пири фартут (кӯҳансол) ◇ **~яя исто́рия** таърихи қадим *(давраи таърих, ки шартан то асри 5 қабул шудааст)*; **~ие языки́** забонҳои қадимӣ *(забони лотинӣ ва забони Юнони Қадим)*

дре́вност||ь *ж* 1. *(давность существования)* қадимӣ, қадимагӣ, деринагӣ // *(далекое прошлое)* гузаштаи дур; **седа́я ~ь** замони қадим; **в глубо́кой ~и** дар замонҳои қадимтарин // *(античность)* замони атиқа, дуньёи қадим *(замони юнониҳо ва римиҳои қадим)* 2. *чаще мн.* **дре́вности** осори атиқа, ёдгорҳои замонҳои қадим; **музе́й ~ей** музеи осори атиқа 3. *прост.* *(старость, дряхлость)* пирӣ, фартутӣ, нотавонӣ, кӯҳансолӣ

дре́во *с уст. поэт.* дарахт ◇ **родосло́вное ~** шаҷара, насабнома

древо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънан ба калимаи «дарахт» мувофиқ аст:* **древови́дный** дарахтмонанд, дарахтшакл; **древонасажде́ние** дарахтшинонӣ, ниҳолшинонӣ

древови́дный, -ая, -ое (древови́д|ен, -на, -но) дарахтмонанд, дарахтшакл; ~ **па́поротник** папоротники дарахтмонанд

древогры́з *м зоол.* чубхурак, гамбуски дарахт

древола́з *м зоол.* шохпарак *(хели гунҷишки Америкаи Ҷанубӣ)*

древонасажде́ни||е *с* 1. дарахтшинонӣ, ниҳолшинонӣ 2. *чаще мн.* **древонасажде́ния** ниҳолзор, дарахтзор; **полоса ~й** минтақаи дарахтзор

древообра́зный, -ая, -ое (древообра́з|ен, -на, -но) *см.* **древови́дный**

древосто́й *м собир.* дарахтзор

древото́чец *м зоол.* чубхурак (1. *хели шабпарак, ки кирми вай дарахтро мехӯрад* 2. *номи моллюскҳое, ки қисмҳои чубини киштӣ ва бандарҳоро хурда вайрон мекунад)*

дреговичи́ *мн. ист.* дреговичҳо *(қабилаи славянҳои қадим)*

дредно́ут *м уст. мор.* дредноут *(навъи киштии зиреҳпуши калон)*

дрези́на *ж* дрезина *(аробачаи чорчархаи роҳи оҳан)*

дрейф *м мор.* дрейф (1. *кунҷи байни самти ҳаракати киштӣ ва тири он* 2. *бо таъсири шамол ё ҷараёни об майлон кардани киштӣ ё самолёт аз роҳи пешгирифтаи худ* 3. *ҳаракати яххо ва ё киштӣ бо рафти вазиши бод ё ҷараёни об)*

дре́йфить *несов. прост.* ваҳмидан, буздилӣ кардан, тарсидан

дрейфова́ть *несов. мор.* дрейф кардан (1. *бо таъсири боду ҷараён аз роҳи худ ба тарафе майл кардани киштӣ, самолёт* 2. *ба рафти вазиши бод ё ҷараёни об рафтани киштӣ, ях ва ғ.)*

дрейфу́ющ||ий, -ая, -ее дрейфкунанда, шиновар равон, шинокунанда; **~ая льди́на** яхпораи равон, яххуҳи шиновар

дреко́лье *с собир.* калтакҳо, чубҳо

дрель *ж* парма; **ручна́я ~** пармаи дастӣ

дрёма I, **дрема́** *ж уст. см.* **дремо́та**

дрёма II *ж (трава)* мехак *(хели алаф)*; ~ **смоли́стая** мехаки ширадор

дрема́ть *несов.* 1. пинак (ғанаб) кардан, ғунудан, пинак рафтан 2. *перен.* беҳаракат (ноҷунбон, карахт) будан; **всё вокру́г дрёмлет** атроф ҳама ором аст 2. *с отриц.* ҳушьёр будан, эҳтиёт шудан, ғофил набудан; **враг не дрёмлет** душман ғофил нест

дрема́ться *несов. безл. кому разг.* пинак рафтан, ғанаб бурдан; **мне дрёмлется** хобам меояд

дремо́т||а *ж* пинак, ғанаб; **превозмо́чь ~у** пинакро паррондан; **меня́ ~а одоле́ла** маро ғанаб бурд

дремо́тно *нареч.* хоболудона, нимхобу нимбедор; **глаза́ ~ слипа́ются** чашмҳо хоболудона пушида мешаванд

дремо́тн||ый, -ая, -ое хоболуд(она), нимхобу нимбедор; ором(она); **~ое состоя́ние** ҳолати нимхобу нимбедор

дрему́чий, -ая, -ее (дрему́ч, -а, -е) анбуҳ, зич, торик; ~ **бор** ҷангали анбӯҳи коҷ

дре́на *ж тех.* ғулба, қубур

дрена́ж *м* 1. *тех.* дренаж, заҳбурканӣ; ҷуи заҳбур; қубурҳои заҳбур 2. *мед.* дренаж *(бо найча баровардани фасоди ҷароҳат)*; ~ **ра́ны** дренажи ҷароҳат 3. *мед.* *(трубка)* дренаж, найчаи дренаж *(найчаи шишагӣ ё резинӣ барои баровардани фасоди ҷароҳат)*; **ввести́ ~** дренаж даровардан

дренажи́ровать(ся) *сов., несов. см.* **дрени́ровать(ся)**

дрена́жи||ый, -ая, -ое *тех., мед.* ...и дренаж, дренажӣ; **~ые тру́бы** қубурҳон дренаж; **~ая маши́на** мошини дренаж; **~ая тру́бка** найчаи дренажӣ

дрени́рование *с* (*по знач. гл.* **дрени́ровать**) дренажкунӣ, дренаж кардан(и), заҳбурканӣ; ~ **по́чвы** дренаж кардани замин

дрени́ровать *сов., несов. что тех., мед.* дренаж кардан, заҳбур кандан; ~ **по́чву** заминро дренаж кардан

дрени́роваться *тех., мед.* 1. *сов., несов.* дренаж шудан 2. *несов. страд.* дренаж карда шудан

дресв||а́ *ж (крупный песок)* рег, реги дурушт; **вы́мыть пол ~о́й** фаршро регшӯ кардан

дресвя́ник *м (песчаный камень)* регсанг

дресвя́ный, -ая, -ое регсангӣ, пошхуранда

дрессиро́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* омӯхта кардашуда, таълим додашуда 2. *прил.* дастомуз, одаткарда, омӯхташуда, ромшуда *(дар бораи ҳайвонот)*; **~ая соба́ка** саги омӯхташуда

дрессирова́ть *несов. кого* омӯхта (ром) кардан, таълим додан *(ҳайвонотро)*; ~ **соба́к** сагҳоро омӯхта кардан; ~ **лошаде́й** аспҳоро омӯхта кардан // *перен.*

разг. ирон. ба риояи бешууронаи интизоми сахт одат кунондан

дрессирова́ться *несов.* 1. омухта (ром) шудан 2. *страд.* омухта (ром) карда шудан

дрессиро́вка *ж* (*по знач. гл.* **дрессирова́ть**) омӯхта (ром) кардан(и); ~ **живо́тных** омухта кардани ҳайвонот

дрессиро́вщик *м* ромкунанда, омузанда, таълимдиҳанда; ~ **ти́гров** ромкунандаи бабр

дрессиро́вщица *женск. к* **дрессиро́вщик**

дриа́да *ж миф.* парии беша (*дар асотири Юнони Қадим*)

дри́фтер *м мор.* дрифтер, киштии моҳигирӣ

дроби́лка *ж* мошинн сангмайдакунак

дроби́льн||ый, -ая, -ое майдакунанда, резакунанда, ...и сангмайдакунак; ~**ые вальки́** навардчаҳои майдакунанда

дроби́на *ж* донаи сочма ◇ **как (что) слону́** ~ филро пашша газидагӣ барин

дроби́тель *м* мошини торфбуррӣ (торфканӣ)

дроби́тельный, -ая, -ое *см.* **дроби́льный**

дроби́ть *несов.* 1. *что* майда (реза) кардан; ~ **ка́мень** сангро майда кардан 2. *что перен.* тақсим (чудо, булак) кардан; ~ **вопро́с** масъаларо майда карда кашол додан; ~ **си́лы** қувваҳоро пароканда кардан 3. *разг.* тақ-тақ кардан, тапар-тапар задан; **до́ждик дроби́л по кры́ше** борон рез-рез ба бом мезад

дроб||и́ться *несов.* 1. майда (реза) шудан, пош хурдан; **не́которые го́рные поро́ды легко́** ~**я́тся** баъзе ҷинсҳои кухӣ ба осонӣ пош мехуранд; **во́лны** ~**я́тся о ска́лы** мавҷҳо ба харсангҳо зада пош мехуранд 2. *перен.* тақсим (булак) шудан; **рома́н** ~**и́лся на ряд повесте́й** роман ба якчанд қисса тақсим мешуд 3. *страд.* майда (реза) карда шудан; тақсим карда шудан

дробле́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **дроби́ть** 1, 2) майда (реза) кардан(и); (*по знач. гл.* **дроби́ться** 1, 2) майда (реза) шудан(и); ~ **щё́бня** майда кардани шағал; ~ **произво́дственного проце́сса на ряд опера́ций** тақсими процесси истеҳсолӣ ба як чанд амалиёт 2. *биол.* таҷзия (*процесси ба ҳуҷайраҳои ҷудогона тақсим шудани тухми бордоршуда дар организмҳои серҳуҷайра*)

дроблё́нный *прич.* (дробл|ён, -ена́, -ено) майда кардашуда, реза кардашуда

дроблё́н||ый, -ая, -ое майда, реза, реза-реза, нимкуб; ~**ое зерно́** ғаллаи нимкуб; ~**ый кирпи́ч** хишти шикаста

дробни́ца *ж охот.* сочмадон

дро́бно *нареч.* майда, реза

дро́бность *ж* майда-майда (реза-реза) будан(и); ҷудо-ҷудо (булак-булак) будан(и)

дро́бн||ый, -ая, -ое 1. майда; ҷудо, алоҳида 2. (*о звуках, шагах и т. п.*) тез-тез, зуд-зуд; ~**ый стук дождя́** садои рези борон; ~**ый то́пот коне́й** тапар-тапари суми аспон; **идти́** ~**ым ша́гом** майда-майда қадам зада рафтан 3. *мат.* касрӣ, касрдор, ...и каср; ~**ая величина́** бузургии касрӣ; ~**ые чи́сла** ададҳои касрӣ ◇ ~**ые числи́тельные** *грам.* шуморaҳои касрӣ

дробови́к *м* милтиқи сочма

дробов||о́й, -а́я, -о́е ...и сочма; ~**о́й заря́д** тири сочма; ~**а́я берда́нка** милтиқи (берданкаи) сочма; ~**о́е буре́ние** пармакунии сочма (*навъи заминпармакунӣ ба воситаи сочмаҳои ҷуянӣ*)

дроболите́йн||ый, -ая, -ое сочмарез, ...и сочмарезӣ; ~**ые устано́вки** дастгоҳҳои сочмарезӣ

дроб||ь *ж* 1. *собир.* сочма; **заряди́ть ружьё** ~**ью** милтиқро бо сочма пур кардан 2. *перен.* (*звуки*) ғул-ғул; даранг-дурунг; **бараба́нная** ~**ь** рези нақора; **отбива́ть нога́ми** ~**ь** тапар-тапар по кӯфтаи (*дар рақс*); **слы́шится** ~**ь дождя́** садои рези борон ба гуш меояд 3. *мат.* каср; **просты́е** ~**и** касри оддӣ; **десяти́чные** ~**и** касри аъшорӣ; **пра́вильная** ~**ь** касри дуруст; **непра́вильная** ~**ь** касри нодуруст

дрова́ *тк. мн.* ҳезум; **сыры́е** ~ ҳезуми тар; **сухи́е** ~ ҳезуми хушк; **вяза́нка дров** банди ҳезум; **ру́бка дров** ҳезумшиканӣ; **наколо́ть дров** ҳезум кафондан◇ **налома́ть дров** корро дулоб кардан; **кто в лес, кто по** ~ *погов.* ≈ яке аз боғ, дигаре аз роғ; яке аз Ашриқ дигаре аз Машриқ

дрови́шки *тк. мн. разг. уменьш. к* **дрова́** ҳезум-пезум

дро́вни *тк. мн.* чана, чанаи боркаш

дрово: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҳезум»:* **дровозаготовки** ҳезумтайёркунӣ; **дровосе́к** ҳезумкаш, ҳезумбур

дровозаготовки *мн.* (*ед.* **дровозаготовка** *ж*) ҳезумтайёркунӣ

дровоко́л *м* 1. *уст.* ҳезумшикан, ҳезумкафон 2. *обл.* (*колун*) табар

дровоко́льный, -ая, -ое ҳезумшикан, ҳезумкафон, ...и ҳезумшиканӣ, ...и ҳезумкафонӣ; ~ **стано́к** дастгоҳи ҳезумшиканӣ

дровопи́льн||ый, -ая, -ое ...и ҳезумарракунӣ; ~**ая устано́вка** дастгоҳи ҳезумарракунӣ

дроворе́зный, -ая, -ое ...и ҳезумбурӣ; ~ **стано́к** дастгоҳи ҳезумбурӣ

дровосе́к *м* 1. *уст.* ҳезумкаш, ҳезумбур 2. *зоол.* чубхурак, гамбуски чубхурак

дровосе́ка *ж обл.* (*лесосека*) қитъаи дарахтзори буридашаванда

дровяни́к *м* 1. *разг.* (*сарай для дров*) ҳезумхона 2. *уст.* (*торговец дровами*) ҳезумфуруш, ҳезумҷаллоб

дровяно́й, -а́я, -о́е ҳезумӣ, ...и ҳезум; ~ **сара́й** ҳезумхона; ~ **склад** анбори ҳезум

дрога́ *ж* шатакчуб

дро́ги *тк. мн.* 1. (*крестьянские*) аробаи болокушода 2. (*похоронные*) аробаи мурдакашонӣ

дро́гнуть I *несов.* (*зябнуть*) хунук хурдан, аз хунукӣ ларзидан; ~ **на хо́лоде** дар ҳавои сард ларзидан

дро́гну||ть II *сов.* 1. (*пошевельнуться*) як қад паридан, ба ҷунбиш омадан, ҷунбидан, андак ларзидан; **па́льцы чуть** ~**ли** ангуштон андак ларзиданд; **земля́** ~**ла от взры́ва** замин аз таркиш ба ларза омад // (*о свете, огне*) каме йилт-йилт (милт-милт) кардан; **ого́нь в ла́мпе** ~**л** шуълаи чароғ андак милт-милт кард // (*сжаться — о сердце*) ба ларза омадан; **се́рдце его́** ~**ло** дилаш ба ларза омад // (*о голосе*) ларзидан 2. ба изтироб (ба ҳаяҷон) афтодан (омадан), саросема шудан; **толпа́** ~**ла** издиҳом ба изтироб афтод ◇ **рука́ не дро́гнет** *у кого* ҷуръат мекунад, наметарсад, намеҳаросад

дрожа́ние *с* (*по знач. гл.* **дрожа́ть** 1) ларзиш, ларзидан(и); ~ **рук** ларзидани дастҳо; ~ **го́лоса** ларзиши овоз

дрожа́тельн||ый, -ая, -ое ...и ларзиш, ларзадор; ~**ые движе́ния** ҳаракатҳои ларзадор; ~**ый рефле́кс** рефлекси ларзиш

дрож||а́ть *несов.* 1. ларзидан, ларза хурдан; ~**а́ть всем те́лом** тамоми баданро ларза гирифтан; ~**а́ть от хо́лода** аз сармо ларзидан // (*о свете, огне*) йилт-йилт (милт-милт) кардан; **в ла́мпе** ~**и́т язычо́к пла́мени** забонаи шуълаи чароғ милт-милт мекунад // (*о голосе*) ларзидан; **го́лос** ~**ал от волне́ния** овоз аз ҳаяҷон меларзид 2. *перед кем-чем и без доп. перен.* дар тарс будан, тарсидан, ваҳмидан, ба даҳшат афтодан; **все** ~**а́т пе́ред ни́м** ҳама аз вай метарсанд // *за кого-что, над кем-чем* хавотир кашидан, ғам хурдан; ~**а́ть за свою́ жизнь** ғами ҷони худро хурдан; дар ғами ҷони худ будан; ~**а́ть за свои́х дете́й** аз ваҷҳи бачагони худ хавотир кашидан // *над чем перен.* рост истодан, тин болои тин мондан; ~**а́ть над ка́ждой копе́йкой** ба болои як тин рост истодан; ҳар тинро туф карда тугун карда мондан

дрожа́щ||ий, -ая, -ее ларзон, ларзанда; **говори́ть** ~**им го́лосом** бо овози ларзон гап задан ◇ ~**ие согла́сные** *грам.* ҳамсадоҳои ларзанда (*мас.* «р»)

дрожжево́й, -а́я, -о́е ...и хамиртуруш, ...и хамирмоя; ~ **за́пах** буи хамиртуруш

дро́жж||и *тк. мн.* хамиртуруш, хамирмоя; **сухи́е** ~**и** хамиртуруши хушк; **те́сто на** ~**ах** хамири хамиртурушдор ◇ **расти́ (поднима́ться) как на** ~**а́х** зуд дамидан (расидан, баланд шудан)

дро́жки *тк. мн.* фойтун, дурушка (*фойтуни болокушодаи сабук*); **бегов́ые** ~ фойтуни пойга

дрожмя́: ~ **дрожа́ть** *разг.* сахт (дарақ-дарақ) ларзидан, буз барин ларзидан

дрожь *ж* ларзиш, ларза, ларз, раъша; **не́рвная** ~ ларзаи асаб; **говори́ть с** ~**ю в го́лосе** бо овози ларзон гап задан; ~ **берё́т, в** ~ **броса́ет** ларза мегирад, ба ларза меандозад

дрозд *м* дурроҷ; **чё́рный** ~ дурроҷи сиёҳ; **пе́вчий** ~ дурроҷи хушхон (гуё)

дроздо́в||ый, -ая, -ое ...и дурроҷ; ~**ые поро́ды** ҷинсҳои дурроҷ; ~**ое гнездо́** ошьёнаи дурроҷ

дрок *м бот.* гули товус

дроковый, -ая, -ое *бот.* ...и гули товус

дромадёр, дромадар *м* шутури яккуҳона

дроссель *м* дроссель (1. *эл. ғалтаки танзими қувваи электр* 2. *тех. даҳана ё сарпуши танзими фишор ва масрифи моеот, буғ ва газ)*

дроссельный, -ая, -ое дросселй, дроссельдор

дротик *м* найза

дрофа *ж зоол.* дуғдоғ *(мурғи калони даштии гардандароз)*

дрофин||ый, -ая, -ое ...и дуғдоғ; **~ые яйца** тухми дуғдоғ

дрочёна *ж обл.* дрочёна *(таом аз тухм, шир, орд ё картошка)*

друг I *м* 1. дуст, ёр, ҷура; **закадычный ~** ҷураи ҷонӣ (қарин); **искренний ~** дусти самимӣ; **~ детства** ҷураи айёми бачагӣ; **друзья по оружию** ҳамьяроқон; **старый ~ лучше новых двух** *посл.* як дусти дерина беҳ аз ду дусти нав; дусти дерина — аспи зинкарда 2. тарафдор, дустдор, пайрав, ишқбози чизе; **общество друзей природы** ҷамъияти дустдорони табиат 3. *обращ.* дуст, ҷура; **любезный ~** дусти меҳрубон ◇ **~ дома** 1) дусти хонадон 2) *шутл.* маъшуқи соҳибхоназан; **будь ~ (~ом)** як ҷурагӣ кун

друг II *кр. ф. к* **другой**: **~ ~а** якдигарро, ҳамдигарро; **~ ~у** ба якдигар, ба ҳамдигар; **~ ~ом** яке аз дигаре, аз ҳамдигар *(мас. розӣ)*; **~ за ~ом** паи ҳам; **~ на ~а** ба якдигар, ба ҳамдигар; **~ о ~е** дар бораи якдигар (ҳамдигар); **~ от ~а** аз ҳамдигар, аз якдигар; **~ перед ~ом** яке дар пеши дигар, дар пеши якдигар (ҳамдигар)

друг||ой, -ая, -ое 1. дигар; **он был ~ого мнения** фикри вай дигар буд; **уйти в ~ую комнату** ба хонаи дигар гузаштан // *(противоположный)* дигар, муқобил; **перейти на ~ую сторону улицы** ба тарафи дигари (муқобили) куча гузаштан; **доплыть до ~ого берега** ба соҳили дигар шино карда гузаштан 2. дуюм, дигар; **на ~ой день** [дар] рузи дигар; **в ~ой раз** дафъаи дигар 3. дигар; **одно окно выходит на улицу, ~ое — в сад** як тиреза ба куча, дигараш ба боғ кушода мешавад // *в знач. сущ.* **другой** *м*, **другая** *ж* дигар; кас; **другие** *мн.* баъзе(ҳо), дигарон; **одни едут в Москву, ~ие в Ленинград** баъзеҳо ба Москва дигарҳо ба Ленинград меравaнд 4. *в знач. сущ.* **другой** *м* дигар, ғайр, бегона; **заботиться о ~ом (о ~их)** ғами дигаронро хурдан; **не обращать внимания на ~их** ба дигарон аҳамият надодан 5. *в знач. сущ.* **другое** *с* чизи дигар; **ему говоришь одно, [а] он совсем ~ое** ту дар гуй, вай девор мегуяд ◇ **~ой коленкор** *прост.* ин гапи дигар; **~ой раз** баъзан, гоҳе; **~ими словами** *вводн. сл.* ба ибораи (ба таъбири) дигар; **кто-то ~ой** каси дигар; **никто ~ой** ҳеҷ кас ба ғайри...; **и тот и ~ой** ҳар ду, ҳар кадом, ҳам ин, ҳам он; **тот или ~ой** ё ин ё он; **смотреть ~ими глазами** бо чашми дигар дидан, аз дигар ҷиҳат баҳо додан; **один за ~им** яке аз паси дигар, бо навбат, паи ҳам, пай дар пай, паёпай; **это [совсем] ~ое дело** ин гапи (кори) дигар аст; **волны катятся одна за ~ой** мавҷҳо паи ҳам шино (ҳаракат) мекунанд

дружб||а *ж* дусти, ҷурагӣ; **многолетняя ~а** дустии чандинсола; **~а народов** дустии халқҳо; **быть в ~е** дуст будан; **~а и сотрудничество с народами других стран** дустӣ ва ҳамкорӣ ба халқҳои мамлакатҳои дигар; **укреплять ~у и сотрудничество** дустӣ ва ҳамкориро мустаҳкам кардан ◇ **не в службу, а в ~у** *погов.* ≈ ба хотири ҳамдигар, агар бемалол бошад; **не в службу, а в ~у, принесите мне эту книгу** агар бемалол бошад, ин китобро ба ман оварда диҳед

дружелюбие *с* муҳаббат, муносибати дустона, дустӣ, ҷурагӣ

дружелюбно *нареч.* дустона, меҳрубонона; **~ беседовать** дустона суҳбат кардан; **жить ~** аҳлона зиндагӣ кардан

дружелюбн||ый, -ая, -ое (дружелюб|ен, -на, -но) дустона, меҳрубонона, хайрхоҳона; **~ые отношения** муносибати дустона; **~ый взгляд** нигоҳи меҳрубонона

дружески *нареч.* дустона, меҳрубонона, муҳиббона; **~ беседовать** дустона суҳбат оростан; **~ проститься** меҳрубонона хайрухуш кардан

дружеск||ий, -ая, -ое ...и дуст, ...и дустон, дустона, меҳрубонона, мушфиқона; **~ое участие** ёрии дустона ◇ **[быть] на ~ой ноге** *с кем* ҷура (қарин) будан

дружественно *нареч.* дустона, меҳрубонона; **относиться ~** дустона муомила кардан

дружественность *ж* дустона (меҳрубонона) будан(и)

дружественн||ый, -ая, -ое (дружествен, -на, -но) дустона, меҳрубонона, ...и дустӣ, муҳиббона; **~ое сотрудничество** ҳамкории дустона; **~ый тон** оҳанги дустона; **в ~ой обстановке** дар вазъияти дустона

дружество *с уст. см.* **дружба**

дружина *ж* 1. *ист.* дружина *(дар Руси Қадим — дастаи мусаллаҳи князь)* 2. *ист.* даста, дружина *(дастаи сарбозон дар Россияи подшоҳӣ)* 3. дружина, даста, отряд; **пионерская ~** дружинаи пионерӣ; **народная ~** дружинаи халқӣ; **пожарная ~** дастаи зидди сухтор

дружинник *в разн. знач.* дружинник

дружинница *женск. к* **дружинник**

дружинный, -ая, -ое ...и дружина

дружить *несов.* 1. *с кем и без доп.* дустӣ кардан, дуст будан; **они давно дружат** онҳо кайҳо боз дустанд 2. *кого-что уст. (соединять)* пайвастан, ба ҳам дуст кардан, қарин (наздик) кардан

дружиться *несов. прост. см.* **дружить** 1

дружище *м обращ. разг.* ҷура, дуст, ошно

дружка I *м* ҷураи домод

дружк||а II *разг.*: **друг ~у** якдигарро, ҳамдигарро; **друг ~е** ба якдигар, ба ҳамдигар; **друг о ~е** дар бораи якдигар (ҳамдигар)

дружно *нареч.* 1. дустона, боиттифоқ, аҳлона; **жить ~** аҳлона зистан 2. якҷоя, муттафиқона, боиттифоқ, якбора; **~ взяться за работу** корро муттафиқона сар кардан; **весна началась ~** баҳор якбора сар шуд; **хлеба взошли ~** ғалла саросар неш зад

дружность *ж* якборагӣ, саросарӣ; **~ прорастания семян** якбора неш задани тухмӣ

дружн||ый, -ая, -ое (друж|ен, -на, -но) 1. дустона, боиттифоқ, тифоқ, аҳл; **~ая семья** оилаи тифоқ // *тк. кр. ф. в знач. сказ.* дуст будан; **они дружны между собой** онҳо бо ҳам дустанд 2. якҷоя, якдилона, муттафиқона, аҳлона; **~ые усилия** саъю кушишҳои якҷоя; **~ая работа** кори муттафиқона; **~ые аплодисменты** кафкубиҳои пурмавҷ; **~ый смех** хандаи умум // *(быстро возникающий)* пуравҷ; **~ая весна** баҳори пуравҷ

дружок *м разг.* 1. *ласк. к* **друг** I 1, 3 ҷураҷон 2. ҷура, рафиқ; **закадычный ~** ҷураи ҷонӣ (қарин)

друза *ж мин.* гулсанг; **~ горного хрусталя** гулсанги булури куҳӣ

друид *м рел.* коҳин, друид *(коҳини кельтҳои қадим)*

друидизм *м рел.* друидизм *(мазҳаби кельтҳои қадим)*

дрыгать *несов. чем разг.* лагад задан (партофтан); **~ ногами** лагад задан

дрыгаться *несов. прост.* паридан, сахт ҳаракат кардан, лагад партофтан

дрыгнуть *сов. однокр. к* **дрыгать**

дрызгать *несов. прост.* пошидан, пошида чиркин кардан; **~ краской** ранг резондан

дрызгаться *несов. прост.* резондан, чаракса занондан; **~ в луже** дар кулмак обпошӣ кардан

дрыхать *несов. см.* **дрыхнуть**

дрыхнуть *несов. прост.* мол барин хобидан, бемалол хобидан

дрючить *несов. кого прост. (бить)* задан, калтаккорӣ кардан

дрючок *м обл. (жердь)* хода, калтаки ғафс

дряблость *ж* 1. пажмурдагӣ; **~ кожи** пажмурдагии пуст 2. *перен.* сустӣ, заифӣ, ланҷӣ

дрябл||ый, -ая, -ое (дрябл, -а, -о) 1. пажмурда; **~ое лицо** руи пажмурда; **~ое тело** бадани пажмурда 2. *перен. разг.* суст, ланҷ

дрябнуть *несов. разг.* пажмурда (бурма) шудан

дрягиль *м уст. (грузчик)* ҳаммол *(дар бандар ё анбор)*

дрязги *тк. мн. разг.* ҷанҷолҳои майда-чуйда, низоъ, ҳархаша; **домашние ~** ҷанҷолҳои майда-чуйдаи хонадон

дрянной, -ая, -ое *разг.* бад, ганда, намеарзидагӣ; **~ человек** одами ганда

дрянцо *с см.* **дрянь** 3

дрянь *ж разг.* 1. *собир. (сор, хлам)* латта-путта, куҳнакола, лашулуш 2.

перен. (*вздор,- чепуха*) гапи бемаънй (беҳуда); 3. *в знач. сказ.* бад (ганда, расво, хароб) аст; **дело** ~ кор расво шуд, расвои кор баромад, кор хароб аст; **погода** ~ хаво ганда [аст]

дряхлеть *несов.* пиру нотавон (пири фартут) шудан, афсурда шудан (гардидан)

дряхлость *ж* фартутй, пирию нотавонй, афсурдагй

дряхл||ый, -ая, -ое (дряхл, -а, -о) 1. нотавон, фартут, мафлук; ~**ый старик** пири фартут 2. *перен. разг.* кӯҳна, куҳнашуда; ~**ое здание** бинои кӯҳна

дуайен *м дип.* дуайен, шайхуссуфаро (*дар ҳуқуқи байналхалқй — кӯҳнатарини сафирҳо аз ҷиҳати муҳлати сафир буданаш дар ягон мамлакат*)

дуализм *м* 1. *филос.* дуализм (*ҷараёни фалсафй, ки мабдаи ҳастиро на як, балки ду чизи мухталиф — руҳ ва материя ҳисоб мекунад*) 2. *перен.* духелагй, дурангй, дубаҳрагй

дуалист *м филос.* дуалист, пайрави дуализм

дуалистическ||ий, -ая, -ое *филос.* дуалисти, ...и дуализм; ~**ая философия** фалсафаи дуалистй; ~**ое мировоззрение** ҷаҳонбинии дуалистй

дуб *м* 1. булут, дарахти булут 2. *тк. ед.* чӯби булут; **стол из** ~**а** мизи чуби булут; **отделать шкаф под** ~ чевонро ба ранги чуби булут пардоз додан 3. *перен. прост. бран.* одами дағал (кундзеҳн), каллаварам, ландаҳур 4. *обл.* (*большая лодка*) қайиқи калон ◇ **дать** ~**а** *прост.* поча дароз кардан

дубасить *несов. прост.* 1. *кого* сахт задан, куфтан; ~ **друг друга** якдигарро сахт задан 2. *по чему, во что* сахт тақ-тақ кардан, сахт куфтан; ~ **в дверь** дарро сахт тақ-тақ кардан

дубильн||ый, -ая, -ое ...и даббогй, ...и чармгарй; ~**ое производство** истеҳсолоти даббогй; ~**ые вещества** моддаҳои даббогй; ~**ый чан** чалаки чармгарй

дубильня *ж* корхонаи даббогй (чармгарй), корхонаи ошдиҳии пуст

дубильщик *м* даббог, чармгар, ошдиҳандаи пуст

дубина *ж* 1. калтак, таёқ 2. *перен. прост. бран.* одами дағал (кундзеҳн), каллаварам, каллакаду, ландаҳур ◇ ~ **стоеросовая** *прост. бран.* каллаварами гузаро

дубинка *ж уменьш. к* **дубина** 1; **резиновая** ~ чубдасти (таёқчаи) резинй (*яроқи полиция*)

дубинушка *ж уменьш.-ласк. к* **дубина** 1

дубител||ь *м* моддаи даббогй; **искусственные** ~**и** моддаҳои сунъии даббогй

дубить *несов. что* даббогй кардан, ош додан, торон додан, пӯстлок додан; ~ **кожи** пустҳоро ош додан; ~ **овчины** пустҳои гусфандро ош додан

дубка *ж прост. см.* **дубление**

дубление *с* (*по знач. гл.* **дубить**) даббогй, ошдиҳй, торондиҳй, пустлоқдиҳй

дублёнка *ж* пустини пусти ошдодашуда

дубленный *прич.* (дублен, -а, -о) даббогй кардашуда

дублён||ый, -ая, -ое 1. даббогишуда, ош додашуда; ~**ые кожи** пӯстҳои ош додашуда; ~**ый полушубок** пустинчаи ош додашуда 2. *перен. разг.* (*огрубелый, обветренный*) дуруштшуда, дағалгашта, шамоллесида

дублёр *м* дублёр (1. *кино, театр. актёри эҳтиётй барои иҷрои ягон роль* 2. *яке аз у кас ё ду муассисае, ки айни як корро мекунанд* 3. *тех. мошини хам ва дуқат кардани тахтаҳои тунуки пӯлоди дар вақти прокати гарми онҳо*)

дублёрша *разг. женск. к* **дублёр** 1

дублет *м* 1. дублет, нусхаи дигари чизе 2. *см.* **дуплет** 2

дублетность *ж* айният, дублет будан(и)

дублетный, -ая, -ое дублетй, ...и дублет; ~ **экземпляр** нусхаи дублетй

дубликат *м* 1. дубликат, нусхаи дуюм; ~ **накладной** нусхаи дигари борхат 2. *уст. см.* **дублет** 1

дубликатный, -ая, -ое ...и дубликат, ...и нусхаи дуюм (дигар)

дублирование *с* (*по знач. гл.* **дублировать**) такрор кардан(и); дублёрй кардан(и); дубляж кардан(и); ~ **работы** иҷрои батакрори ҳамин кор; ~ **роли** иҷрои айни як роль; ~ **кинофильма** дубляж кардани кинофильм

дублировать *несов.* 1. *что* такроран (айнан) иҷро кардан, тақлидан дубора иҷро кардан; ~ **работу другого предприятия** кори муассисаи дигарро такроран иҷро кардан 2. *кого-что театр.* дублёрй кардан 3. *кого-что кино* дубляж кардан

дублироваться *несов. страд.* такрор карда шудан; дублёрй карда шудан; дубляж карда шудан

дубляж *м кино* дубляж (*тарҷумаи фильм*)

дубняк *м* булутзор, чангали булут

дубоватость *ж разг.* дағалй, дуруштй; кундфаҳмй, кундзеҳнй

дубовик *м* такибулутй (*хели қорч*)

дубов||ый, -ая, -ое 1. булутй, ...и булут; ~**ая роща** булутзор; ~**ый лист** барги булут 2. *перен. разг.* дағал; ~**ый язык** забони ғализ, забони мушкил (нофасеҳ); ~**ый стиль** услуби дағал; ~**ая натура** табиати дағал (ноҳинҷор) 3. *перен. разг.* сахт, нобоб; ~**ые яблоки** себҳои сахт, харсеб ◇ ~**ая голова** (**башка**) *бран.* аҳмақ, кундзеҳн, каллаварам, каллакаду

дубрава *ж* дарахтзор, булутзор; **вековая** ~ дарахтзори куҳансол // *уст. поэт.* беша, бешазор

дубравный, -ая, -ое ...и дарахтзор, ...и булутзор

дуброва *ж уст. см.* **дубрава**

дубьё *с собир.* 1. калтакҳо, таёқҳо 2. *перен. прост. бран.* каллаварамҳо, ношудҳо, ландаҳурҳо, каллакадуҳо

дубящ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* ошдиҳанда, даббоғикунанда, ...и ошдиҳандагй; ~**ие свойства** хосияти ошдиҳандагй

дувал *м* девор

дуван *м уст. и обл.* 1. (*добыча*) ғанимат; ~ **дуванить** ғаниматро тақсим кардан 2. (*делёж добычи*) тақсими ғанимат

дуванить *несов. что уст. и обл.* тақсим (бӯлак) кардан

дуг||а *ж* 1. (*часть упряжи*) дӯға; **гнуть дуги** дӯға сохтан 2. камон, қавс; ~**а окружности** қавси доира; **описать циркулем** ~**у** бо паргор қавс кашидан; **брови** ~**ой** абрӯи камоншакл 3. *разг.* камонак (*токгузаронаки трамвай*) ◇ **электрическая** ~**а** *физ.* камонаки электрики; **гнуть (согнуть) в** ~**у (в три** ~**и)** *кого* миёнғу кардан, ғуломи ҳалқабаргӯш кардан; **гнуться (согнуться) в** ~**у (в три** ~**и)** миёнғу шудан

дугов||ой, -ая, -ое 1. ...и дуға; ~**ые кряжи** чуби дӯғабоб; ~**ое производство** дӯғасозй 2. *физ.* ...и камонаки электрикй

дугообразн||ый, -ая, -ое (дугообраз|ен, -на, -но) камоншакл, қавсшакл; ~**ый мост** пули (купруки) камоншакл; ~**ые брови** абрӯи камоншакл

дуд||а *ж* 1. *уст. и обл. см.* **дудка** 1; 2. (*волынка*) найанбон; **и швец, и жнец, и в** ~**у игрец** *погов.* ≈ даҳ ангушташ ҳунар; одами ба ҳар кор моҳир ◇ **в одну** ~**у дудеть** *см.* **дудеть**

дудак *м обл.* (*дрофа*) дугдоғ

дударь *м уст. обл.* сурнайчй, найчй, найнавоз

дудеть *несов. разг.* 1. най (сурнай) навохтан; ~ **в дудку** най навохтан // *что и без доп.* ду-дуд гуфтан 2. *что и без доп. перен.* (*твердить одно и то же*) якзайл (безоркунон) такрор намудан ◇ **в одну дуду (дудку)** ~ айни як корро кардан, айни як гапро гуфтан

дудк||а *ж* 1. най, ной 2. *мор.* хуштаки боцман ◇ **в одну** ~**у дудеть** *см.* **дудеть; плясать под чью-л.** ~**у, плясать по чьей-л.** ~**е** ба нақораи касе рақсидан

дудки *межд. прост.* не, нест, ҳеҷ, асло не (*дар мавриди рад кардани ягон талаб*); **ну уж** ~, **я туда не пойду!** не, не, ман он ҷо намеравам!

дудник *м бот.* камол (*хели растании қадбаланди гулаш соябонмонанд*)

дудочка *ж разг. уменьш. к* **дудка** 1

дудочки *межд. см.* **дудки**

дудук *м муз.* дудуғ, сурнайча (*дар Кавказ*)

дудчатый, -ая, -ое наймонанд; ~ **стебель** пояи наймонанд

дужка *ж* 1. *уменьш. к* **дуга** 1; 2. (*ручка*) дастаи камоншакл; **ведёрная** ~ дастаи сатил 3. *анат.* (*у птиц*) устухони тӯш (*аз они мурғон*)

дукат *м* дукат (*пули қадими нуқра, баъдҳо тилло, ки дар як қатор мамлакатҳои Европаи Ғарбй роиҷ буд*)

дуло *с* даҳони мил; ~ **ружья** даҳони мили милтиқ; ~ **орудия** даҳони мили туп

дульн||ый, -ая, -ое ...и даҳони мил; ~**ая часть орудия** даҳони мили тӯп

дульце *с* 1. *уменьш. к* **дуло**; 2. *муз.* забонак, даҳона (*дар асбобҳои мусиқй*); ~ **флейты** даҳонаи най

дульцине́я *ж шутл.* маъшуқа, ёр, ҷонона, дилбар *(аз номи маҳбубаи хаёлии Дон-Кихот Дульцинея — қаҳрамони романи Сервантес)*

ду́ля *ж* 1. *обл. (сорт груши)* дуля, муруд 2. *прост. (кукиш)* дуля *(муште, ки нарангушт аз миёнаи ду ангушт баромада меистад; аломати истеҳзо, таҳқир ва ғ.)*

ду́м||а *ж* 1. фикр, андеша; **~у ду́мать** *фольк.* фикру андеша кардан; **тя́жкие ~ы** фикрҳои ғамангез 2. *лит.* дума *(навъи достони таърихии халқии украинҳо; навъи поэмаи лирики)*; **каза́цкие ~ы** думаҳои казакӣ 3. *ист.* дума *(номи ташкилоти гуногуни марказӣ ва маҳаллии маъмурӣ дар Россия)*; **боя́рская ~а** думаи боярҳо *(шӯрои боярҳо дар Руси Москва)*; **городска́я ~а** думаи шаҳр *(ташкилоти интихобии шаҳр дар Россияи подшоҳӣ)*; **Госуда́рственная ~а** Думаи давлатӣ

ду́ма||ть *несов.* 1. *о ком-чём, над чем и без доп.* фикр (андеша) кардан, ба фикр фуру рафтан, мулоҳиза намудан; **~ть над зада́чей** дар болои масъала фикр кардан; **он не ~ет о де́ле** вай дар бораи кор фикр намекунад 2. фарз (хаёл, гумон, тахмин) кардан; **~ю, что он ско́ро прие́дет** ба тахмини ман, вай ба наздикӣ меояд; **как вы ~ете?** фикри шумо чист? 3. *на кого разг.* гумон бурдан (кардан), бадгумон шудан, шубҳа кардан; **он не винова́т, а ты на него́ ~ешь** вай гуноҳ надорад, аммо ту аз вай бадгумон ҳастӣ 4. *с неопр.* ният доштан, дар фикри коре будан; **я ~ю за́втра зако́нчить э́ту рабо́ту** ният дорам, ин корро пагоҳ тамом кунам 5. *о ком-чём* ғамхорӣ кардан, ғам хурдан, ташвиш кашидан; **~ть то́лько о себе́** фақат ғами худро хурдан; **ну́жно бы́ло ~ть о ночле́ге** ғами ҷои хобро хурдан даркор буд ◇ **не до́лго ~я** якбора, фикр накарда; **не ~но, не га́дано** ногоҳ; **ду́му (ду́мушку) ~ть** *фольк.* фикру андеша кардан; **и ~ть забу́дь! (не сме́й!)** дар ин бора хаёл ҳам накун!; **и не ~ю (и не ~ешь** *и т. д.*) *с неопр.* ҳаргиз дар ин фикр нестам (нестӣ *ва ғ.*); **он и не ~ет уезжа́ть** вай хаёли рафтан ҳам надорад; **мно́го ~ть о себе́** худписандӣ кардан, худро калон гирифтан; **на́до ~ть** 1) *в знач. вводн. сл.* эҳтимол дорад, шояд, бояд 2) *(да, конечно)* албатта

ду́ма||ться *несов. безл. кому разг.* 1. намудан, ба назар намудан (расидан); **~ется мне, что он сего́дня не прие́дет** ба назарам [чунин менамояд, ки] вай имруз намеояд 2. ба фикру хаёл рафтан; **не спи́тся мне, всё ~ется** хобам намебарад, ким-чӣ хел фикрҳо ба сарам меояд

ду́мец *м уст. разг.* думачӣ *(аъзои думаи давлатӣ ё шаҳр)*

ду́мка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **ду́ма** 1 фикр, андеша 2. *лит.* думка *(суруди халқии лирикии украинӣ)* 3. *разг. (подушечка)* болиштак

ду́мный, -ая, -ое *ист.* ...и дума *(мансуб ба думаи боярҳо)*; **~ боя́рин** бояриии дума

ду́мск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и дума *(мансуб ба думаи давлатӣ ё шаҳрӣ)*; **~ий депута́т** депутати дума; **~ий при́став** *уст.* нозири дума *(шахсе, ки тартибу низоми Думаи давлатиро назорат мекард)*; **~ая социа́л-демократи́ческая фра́кция** фраксияи социал-демократии дума

ду́мушк||а *ж фольк. уменьш.-ласк. к* **ду́ма** 1 фикр, андеша; **~у ду́мать** фикру андеша кардан

дунга́не *мн.* дунганҳо *(халқе, ки асосан дар Хитои Шимоли Ғарбӣ зиндагонӣ мекунад)*

дунове́ние *с* вазиш; **~ ветерка́** вазиши боди сабук

ду́нуть *сов. однокр. к* **дуть** 1, 2

ду́пель *м зоол.* лойхурак *(навъи паррандаи ботлоқӣ)*

дупле́т *м* дуплет *(1. зарби махсус дар бозии биллиард, ки як шитӣ ба шитии дигар зада ё ба канораи тахтаи биллиард бархӯрда баргашта ба сурох медарояд 2. охот. якбора холӣ шудани ду тир аз ду милаи милтиқ)*

дупли́ст||ый, -ая, -ое (дуплист, -а, -о) сурохдор, дарунковок, ковокдор; **~ые стволы́ дере́вьев** танаҳои дарунковоки дарахтҳо

дупло́ *с* 1. *(в дереве)* сӯрохи (ковокии) дарахт 2. *разг. (в зубе)* ковокии дандон

дупля́нка *ж* 1. *(кадка)* чалакчаи (дулмонанди) чубин *(аз кундаи яклухт сохташуда)* 2. *(улей)* дуплянка *(қуттии занбӯри асал дар ковокии дарахт)*

ду́ра *женск. к* **дура́к** 1—2 ◇ **у него́ гу́ба не ~** *прост.* вай мазаро медонад, вай ба таъми чиз меравад

дура́к *м* 1. *разг.* аҳмақ, аблаҳ, девона, суррӣ // *бран.* аҳмақ *(дашном)* 2. *тк. с отриц.* **не дура́к** *в знач. сказ. с неопр. разг.* усто; устухон надорад; **он не ~ поспа́ть** вай ба хобидан усто; **он вы́пить не ~** вай ба нушидан устухон надорад 3. *ист. (шут)* масхарабоз, ширинкор 4. *мн.* **дураки́** *карт.* дуракбозӣ ◇ **~ ~о́м** 1) *(глупец)* аҳмақи гузаро 2) дар ҳолати нобоб (ногувор); **он сиде́л в гостя́х ~ ~о́м** у дар меҳмонӣ дар ҳолати ногувор менишаст; **валя́ть (лома́ть, ко́рчить) ~а́** *прост.* 1) *(дурачиться)* бачагӣ (гоҷӣ, масхарабозӣ) кардан 2) *(делать глупости)* беақлӣ (аҳмақӣ) кардан 3) *(притворяться непонимающим)* худро ба нодонӣ задан; 4) *(бездельничать)* бекорхуҷагӣ кардан; **нашёл (нашли́) ~а́!** *ирон.* аҳмақат(он)ро ёфтӣ (ёфтаед)!; **оста́вить в ~а́х** 1) *карт.* бурдан, гул задан 2) фиреб (фанд) додан

дуракова́т||ый, -ая, -ое (дураковат, -а, -о) *разг.* аҳмақона, аблаҳона, аҳмақнамо, девонанамо, сирринамо; **~ая улы́бка** табассуми аҳмақона; **~ый челове́к** одами гоҷ (сирринамо)

дурале́й *м прост. см.* **дура́к** 1

дура́нда *ж (жмыхи)* кунҷора, кунҷола: **льняна́я ~** кунҷораи зағир

дура́цк||ий, -ая, -ое *разг.* 1. аҳмақона, аблаҳона, ночаспон, бемаънӣ, беҳуда; **~ий разгово́р** гапи аҳмақона; **~ий смех** хандаи бемаврид; **попа́сть в ~ое положе́ние** ба ҳолати ноҳинҷор афтидан, аҳмақ шуда мондан 2. бад, ганда; **~ая привы́чка** одати ганда (расво); **~ая па́мять** ҳофизаи бад 3. *ист.* ...и масхарабоз; **~ий костю́м** либоси масхарабоз

дура́честв||о *с разг.* кирдори беҳуда (бемаънӣ); *(озорство)* шухӣ, масхарабозӣ, ситезакорӣ, шурапуштӣ; **брось свой ~а!** шухиҳоятро мон! масхарабозӣ бас!

дурачи́на *м бран. см.* **дура́к** 1

дура́чи||ть *несов. кого-что разг.* аҳмақ (гоҷ)кардан, фиреб (фанд) додан; **что ты меня́ ~шь?** ту чаро маро аҳмақ мекунӣ?

дура́читься *несов. разг.* бачагӣ (масхарабозӣ, бемаънигӣ) кардан; *(озорничать)* ҳазл (шухи) кардан

дурач||о́к *м разг.* 1. *уменьш.-ласк. к* **дура́к** 1; **прики́дываться ~ко́м** худро беақл нишон додан 2. *уст. (юродивый)* ҷиннӣ, девона, сиррӣ 3. *уменьш.-ласк. к* **дура́к** 3; 4. *мн.* **дурачки** *см.* **дура́к** 4

дурачьё *с собир.* аҳмақҳо, аблаҳҳо

дура́шка *м, ж разг. шутл. уменьш.-ласк. к* **дурак** 1 аҳмақак, аблаҳак

дура́шливо *нареч. разг. (глупо)* аҳмақнамо, аблаҳнамо; *(шаловливо)* шухнамо, ширинкорона, масхарабознамо

дура́шливость *ж разг. (глупость)* аҳмақӣ, аблаҳӣ; *(шаловливость)* шухӣ, ширинкорӣ, масхарабозӣ

дура́шлив||ый, -ая, -ое (дурашлив, -а, -о) *разг. (глуповатый)* аҳмақнамо, аблаҳнамо; *(шаловливый)* шух, шухиомез, масхарабоз(она), ширинкор(она); **~ые вы́ходки** кирдорҳои ширинкорона

ду́рень *м прост. см.* **дура́к** 1

дуре́ть *несов.* гаранг шудан; **~ от уга́ра** аз ғубори ангишт гаранг шудан; **~ от безде́лья** аз бекорӣ гаранг шудан

дурёха *ж бран. см.* **ду́ра**

дури́ть *несов. разг.* кирдори беҳуда (бемаънӣ) кардан, аҳмақӣ (аблаҳӣ) кардан; **не дури́** аҳмақӣ накун // *(озорничать)* шухӣ (ҳазлбозӣ, масхарабозӣ) кардан // *(капризничать, упрямиться)* нозунуз кардан, саркашӣ кардан ◇ **~ го́лову** *кому прост.* аҳмақ кардан, аллондан; гул задан, сари *касеро* гаранг кардан

дури́ща *ж бран. см.* **ду́ра** 1

дурма́н *м* 1. *бот.* тотура, тотула, мастак, банги девона 2. *перен.* нашъа, чизи гиҷкунанда *(шуурро, ақлро)*; **мисти́ческий ~** нашъаи тасаввуф

дурма́ни||ть *несов. кого-что* маст (гиҷ) кардан, нашъа овардан; **све́жий во́здух ~л го́лову** ҳавои тоза нашъа меовард

дурма́нный, -ая, -ое 1. *бот.* ...и тотура, ...и банги девона; **~ ко́рень** решаи банги девона 2. *перен. разг.* масткунанда, гиҷкунанда, нашъадор; **~ за́пах** буи масткунанда

дурнеть *несов.* баднамо (бадафт) шудан

дурно 1. *нареч.* бад, нобоб; ~ **пахнет** буи бад медиҳад 2. *нареч.* бад, ганда, бадахлоқ; ~ **вести себя** бадрафтор кардан 3. *в знач. сказ. безл. кому* бехуд (беҳуш) аст; **ей** ~ дилаш бехуд (беҳол) шуд

дурн||ой, -ая, -ое (дурен, -на, -но) 1. бад, ганда; ~**ой запах** буи бад; ~**ой характер** хулқу хуи бад; ~**ые привычки** одатҳои бад; ~**ой вкус** салиқаи бад (паст) 2. бад, бадахлоқ, ганда; ~**ой поступок** кирдори бад; ~**ые мысли** фикрҳои бад; ~**ой человек** одами ганда; ~**ая слава** бадномӣ; **выставлять в** ~**ом свете** *кого-что* бадиом кардан, бад карда нишон додан // *в знач. сущ.* **дурное** *с* бадӣ, гандагӣ; **я не вижу в этом ничего** ~**ого** ман дар ин [кор] ҳеҷ бадӣ намебинам, ин кор ягон бадӣ надорад 3. хира, гирифта, ғамгин, бад; ~**ое настроение** табъи хира (гирифта); ~**ые вести** хабарҳои бад (нохуш); ~**ая примета** фоли бад 4. *чаще кр. ф. (некрасивый)* бадафт, бадшакл, ситорахунук 5. *прост. (глупый)* аҳмақ ◇ ~**ой глаз** чашми бад; **кричать (визжать, орать** *и т. п.*) ~**ым голосом** *прост.* аррос задан; ~**ая голова ногам покоя не даёт** *посл.* ≈ ҷони нодон дар азоб

дурнот||а *ж разг.* дилбеҳузурӣ, дилбеҷоӣ, дилбехудӣ; **приступ** ~**ы** хуруҷи дилбеҷоӣ

дурнушка *ж разг.* зани ситорахунук, духтари беҳусн (баднамуд, баднамо)

дурость *ж разг.* аҳмақӣ, аблаҳӣ, гоҷӣ, бемаънигӣ

дурочка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **дура**; 2. *уст. (юродивая)* занаки сиррӣ (девона)

дурра *ж*, **дурро** *с нескл. бот.* чойҷуворӣ

дуршлаг *м* чулпӣ, баракгирак, тушберагирак

дурында *м, ж прост., вульг.* аҳмақ, аблаҳ *(бештар дар бораи зан)*

дурь *ж разг.* аҳмақӣ, девонагӣ; **напустить на себя** ~ худро ба девонагӣ задан // *(вздор)* сафсата, гапи беҳуда, сухани бемаънӣ, ҳарза; **всякая** ~ **лезет в голову** ҳар хел гапҳои бемаънӣ ба хаёл меояд ◇ **выбить (выколотить)** ~ **из головы кого-л., чьей-л.,** у **кого-л.** *прост.* касеро ба тавфиқ овардан; **выбросить (выкинуть)** ~ **из головы** *прост.* аҳмақиро (бемаззагиро) бас кардан; савдоро аз сар дур кардан

дурья: ~ **голова (башка)** *прост.* аҳмақ, куидзеҳн, каллаварам, каллакаду

дуст *м* дуст *(доруи хокаи зидди ҳашароти зараррасон)*

дутар *м муз.* дутор

дутарист *м* дуторӣ, дуторнавоз

дут||ый, -ая, -ое 1. дарунковок, дарунхолӣ; ~**ый браслет** дастпонаи дарунхолӣ // *(надутый)* дамондашуда, дамида; ~**ые шины** шинаҳои дамида 2. *перен.* муболиғаомез, муболиғанок, сохта, бардуруғ, ҳавоӣ; ~**ые цифры** рақамҳои муболиғанок; ~**ая слава** шуҳрати бардуруғ (сохта)

дуть *несов.* 1. вазидан; **ветер дует** шамол мевазад; **здесь дует** *безл.* ин ҷо шамол аст 2. пуф (дам) кардан; ~ **на горячий чай** чои гармро пуф кардан 3. *что тех.* дамонда (пуф карда) сохтан; ~ **бутылки** пуф карда шиша сохтан 4. *безл. что прост. (раздувать)* варам (дам) кунондан 5. *прост. (быстро бежать)* шамол барин давидан (тохтан) 6. *что и без доп. прост. (делать с азартом)* дам нагирифта (бо завқ) иҷро кардан, ҷонҳавл кардан; **он дует всё стихотворение наизусть** у шеърро шаррос зада мехонад 7. *что* задан; ~ **водку стаканами** арақро стакан-стакан задан 8. *кого и без доп. (бить)* задан, куфтан, лат кардан ◇ ~ **губы (губки)** лаб лунҷ овезон кардан, лаб дул кардан; **и в ус [себе] не дует** *прост.* парвои фалак надорад, парво намекунад; **куда ветер дует** замонасоз

дутьё *с* 1. *(по знач. гл.* **дуть** 3) дамонда (пуф карда) сохтан(и); ~ **стеклянной посуды** пуф карда сохтани зарфи шишагӣ 2. *тех.* дам; **печь с** ~**м** кураи дамдор; **холодное** ~ дами сард

дутьевой, -ая, -ое *тех.* ...и дамдиҳӣ; ...и дамондан; ~ **режим доменной печи** режими дамондани печи домна (кураи чуянрезӣ)

дуться *несов.* 1. *на кого-что и без доп. разг.* ранҷидан, хафа (озурда) шудан, руй турш кардан 2. *во что прост.* бо рағбат (бо завқ, бо иштиёқ) бозӣ кардан; ~ **в карты** бо иштиёқ қартабозӣ кардан; ~ **в шашки** бо завқ шашкабозӣ кардан

дух *м* 1. рух, ҷон, ҳол, ҳолат; **твёрдый** ~**ом** руҳан қавӣ, қавируҳ; **в здоровом теле здоровый** ~ тан солим, руҳ солим // *филос.* руҳ, тафаккур, шуур 2. руҳбаландӣ, зиндадилӣ; ҷуръат; **упадок** ~**а** руҳафтодагӣ; **поднять** ~ руҳбаланд кардан; **воспрянуть** ~**ом** руҳбаланд (зиндадил) шудан; **пасть** ~**ом** руҳафтода (ноумед) шудан; **собраться с** ~**ом** худро ба даст гирифтан; **хватает (достаёт)** ~**у** ҷуръат кардан; шуҷоат доштан; **не хватает (не достаёт)** ~**у, не иметь** ~**а** (~**у**) дил (ҷуръат) накардан; **я не имел** ~**у сказать ему об этом** ман ҷуръат накардам, ки ба у ин гапро гуям; **придавать** ~**у** *прост.* руҳбаланд (шердил) кардан 3. *перен.* хусусият, моҳият, равия; **в** ~**е времени** мувофики талаби замон; **в моём** ~**е** мувофиқи табъи ман; **в том же** ~**е** ҳамон зайл, ҳамчунон; **продолжайте в том же** ~**е** ҳамон зайл кардан гиред (давом диҳед); ~ **противоречия** инодкорӣ, якравӣ 4. *фольк., миф.* арвоҳ; **злой (нечистый)** ~ иблис, шайтон, дев, аҷина 5. *разг.* нафас; ~ **захватывает (занимает, замирает)** нафас мегардад; **перевести** ~ 1) нафас рост кардан 2) *перен.* дам гирифтан; **не переводя** ~**у** дам нагирифта, бо як нафас; **затаить** ~ дам ба дарун кашидан, нафас ба дарун гирифтан 6. *прост.* ҳаво; **лесной** ~ ҳавои ҷангал; **из отдушины шёл тёплый** ~ аз шамолдаро ҳавои гарм меомад 7. *прост.* буй, бую таф; **грибной** ~ буи қорч (занбуруғ); **сырный** ~ буи панир; **из подвала шёл тяжёлый** ~ аз таҳхона буи ғализ меомад ◇ **плохое (дурное) расположение (состояние)** ~**а** димоғи сухта, кайфпарида; **хорошее расположение (состояние)** ~**а** хушҳолӣ, димоғчоқӣ; **присутствие** ~**а** худдорӣ, хунсардӣ; **не теряя присутствия** ~**а** худдориро аз даст надода; **во весь** ~, **что есть** ~**у (бежать, мчаться** *и т. п.*) бо тамоми қувват, бо шиддат, бо суръати тамом (давидан, тохтан *ва ғ.*); **в** ~**е советского патриотизма** дар •руҳи ватандустии совети; **в** ~**е коммунистической нравственности** дар руҳи ахлоқи коммунисти; **как на** ~**у** *уст. (откровенно)* маросими тавба барин, ҳеҷ чизро руст накарда; **ни слуху, ни** ~**у** *о ком-чём, от кого* на хат на хабар, ҳеҷ дарак нест; **ни сном ни** ~**ом (не виноват)** ҳеҷ (айбаш нест); заррае гуноҳ надорад; **одним (единым)** ~**ом, за один** ~ *прост.* 1) *(очень быстро)* бисьёр тез, бо як шаст, дар як зум; **одним** ~**ом домчаться** бо шаст тохта расидан 2) *(сразу)* якбора; **одним** ~**ом выпить стакан воды** якбора як стакан обро дам кашидан; ~ **вон [у кого]** *прост.* ҷонаш баромад, қолаб тиҳӣ кард; **быть в** ~**е** хушҳол (димоғчоқ) будан; **быть не в** ~**е** димоғсухта (кайфпарида) будан; **он сегодня не в** ~**е** имруз димоғаш сухтагӣ (кайфаш паридагӣ); **вышибить** ~ *из кого груб. прост.* зада куштан; **испустить (последний)** ~ ҷон додан, ҷон ба ҷаббор супурдан; **святым** ~**ом узнать** *шутл.* бо як муъҷиза (аз каромат) донистан (фаҳмидан); **чтобы** ~**у его не было!** *где* дафъ (нест, гум) шавад!

духан *м* майхона, майкада, дукон

духанщик *м* соҳиби майхона, дукондор

дух||и *тк. мн.* атр; **флакон** ~**ов** як шиша атр; **нежный запах** ~**ов** буи латифи атр

духоборы *мн. рел.* духоборҳо *(ед.* **духобор** *м*, **духоборка** *ж) (яке аз мазҳабҳои динӣ, ки таомул ва таълимоти калисои православиро рад мекунад)*

духоборство *с рел.* духоборӣ *(ҷараёни динии духоборҳо)*

духоборческ||ий, -ая, -ое ...и духобор; ~**ая община** мазҳаби духоборӣ

духоборчество *с см.* **духоборство**

духовенство *с собир.* руҳониён, аҳли дин

духовитый, -ая, -ое (духовит, -а, -о) *обл.* хушбуй, муаттар

духовк||а *ж* духовка; **зажарить в** ~**е** дар духовка пухтан

духовник *м* кашиш, руҳонӣ, пир

духовно *нареч.* руҳан, ахлоқан; **он мне** ~ **близок** вай руҳан ба ман наздик аст (ҳамфикри ман аст)

духовность *ж уст.* зоҳидӣ, порсоӣ, тақводорӣ

духо́вн||ый, -ая, -ое 1. рухӣ, маънавӣ, ботинӣ; **~ое и физическое развитие** инкишофи маънавӣ ва ҷисмонӣ; **~ый мир человека** оламн ботинии инсон; **~ые запросы** талаботи маънавӣ; **~ые интере́сы** талаботи маънавӣ; **~ое богатство** сарвати маънавӣ 2. динӣ, руҳонӣ; **~ые книги** китобҳои динӣ; **~ая семинария** семинарияи динӣ; **~ый сан** мансаби динӣ 3. *в знач. сущ.* **духо́вная** *ж то же, что* **~ое завеща́ние** ◇ **~ая пища** ғизои руҳӣ; **~ое завещание** васиятнома; **~ый оте́ц** *церк.* падари руҳоӣ; **~ый сын (~ая дочь)** *церк.* писари (духтари) руҳонӣ *(касе, ки ҳамеша аз кашишаш омурзиши гуноҳ меҳоҳад)*

духов||о́й, -ая, -ое 1. дамӣ, нафасӣ *(дар бораи асбобҳои мусиқӣ)*; **~ой орке́стр** оркестри нафасӣ; **~ые инструме́нты** созҳои нафасӣ; **~о́е ружьё** милтиқи нафасӣ *(бо фишори ҷараёни ҳаво мепаррондагӣ)* 2. олавӣ; **~о́й шкаф** духовка; **~ой утюг** уттии олавӣ 3. *кул.* буғӣ; **~о́е мясо** гушти дар буғ пухташуда

духота́ *ж* ҳавои дим (ғарм); **в ко́мнате стра́шная ~** ҳавои хона бисьёр дим аст // *(зной, жара)* гармӣ

душ *м* душ; **холодный ~** души хунук; **горя́чий ~** души гарм; **мыться под ~ем** дар душ оббозӣ кардан; **приня́ть ~** ба душ даромадан

душ||а́ *ж* 1. ҷон, руҳ, дил; **~а́ и тело** ҷону (руҳу) тан 2. табиат, фитрат, сиришт; **челове́к открытой ~и** одами кушодадил; **ни́зкая ~а́** одами пастфитрат; **ро́бкая ~а́** одами тарсончак; **чу́ткая ~а** одами ҳассос (меҳрубон); **~а-челове́к** одами хуб, ҷони одам, одами тилло 3. шавқу завқ, рағбат, ҳавсала; **с ~о́й** бо шавқу завқ, аз таҳти дил, бо ғайрат; **рабо́тать с ~о́й** бо шавқ кор кардан; **с ~ой испо́лнить пе́сню** сурудро бо шавқу завқ хондан; **без ~и** бе шавқу завқ, бе ҳавас, бе рағбат, бе ҳавсала; **работать без ~и** бе ҳавсала кор кардан; **в его игре нет ~и** вай бе рағбат бозӣ мекунад 4. *перен. уст. (сущность)* моҳият, ҷавҳар 5. *перен.* ҷону дил; **~а́ о́бщества** ҷону дили маърака 6. *разг.* кас, одам, ҷонзод; ҷон; **на у́лице ни ~и** дар куча ҷонзоде нест; **по ско́лько с ~и?** сари касе чандӣ?; **ни одна ~а́ не узна́ет** ягон кас намефаҳмад; **в семье́ пять душ** дар оила панҷ сар хуранда ҳаст; **реальный дохо́д на ду́шу населе́ния** даромади реалӣ (ҳақиқӣ) ба ҳар сари аҳолӣ 7. *ист. (крепостной)* деҳқони крепостной // *мн.* **ду́ши** *(подати, налоги)* андоз, хироҷ 8. *обращ. разг. (обычно со сл. «моя»)* ҷон, ҷони ҷан, ҷонакам; **~а́ моя!** ҷони ман!, ҷонакам! ◇ **бумажная ~а́** бюрократ, коғазбоз; коғазпараст; **заячья ~а́** одами тарсончак (буздил); **мёртвые ду́ши** *ист.* ҷонҳои мурда; **чернильная ~а** бюрократ, коғазбоз, расмиятчӣ; **~а нараспашку** одами кушодадил; **~о́й и те́лом** бо ҷону дил; **ни ~о́й ни те́лом не виноват** заррае гуноҳ надорад; **в ~е** 1) *(мысленно)* ботинан, дар дили худ 2) *(по склонностям)* табиатан; **в глубине́ ~и** дар замири дил; **для ~и** барои дилхушӣ; **до [глубины] ~и** то пардаи дил; **рассказ взволновал меня до глубины ~и** ҳикоя то замири дил таъсир кард; **за милую ду́шу** 1) *(охотно)* бо ҷону дил, аз таҳти дил 2) *(не задумываясь)* даррав; зуд, дар як лаҳза; **он и обма́нет за ми́лую ду́шу** у дар як лаҳза фиреб ҳам медиҳад; **на ~е** дар дил; **на ~е у меня ста́ло ве́село и споко́йно** дилам шоду хотирам ҷамъ шуд; **на ~е́ ко́шки скребу́т у кого-л.** дили касеро гургон тала мекунанд; **от [всей] ~и** аз таҳти дил, аз дилу ҷон, аз сидқи дил; **по ~а́м поговори́ть (разговори́ться** *и т. п.*) самимона (аз таҳти дил) гап задан; **разгово́р по ~а́м** суҳбати самимӣ; **по ~е́** *кому* дилхоҳ, дилписанд, маъқул; **не по ~е́** *кому* номаъқул, маъқул не; **от глубины (полноты) ~и** аз самими қалб, бо камоли майл; **~а́ боли́т у кого́-л.** дили кас месузад; **~а надрыва́ется** дил пора мешавад, дил торс мекафад; **~а не лежи́т к кому́-чему́-л.** ба касе, чизе дил об намехурад; **~а не на ме́сте** дил беқарор аст; **~а́ не принимает** *прост.* дил намекашад; **~а переболе́ла** дил сухт, ҷигар кабоб шуд; **~а́ разрывается [на ча́сти]** дил реш (об)мешавад; **~а́ ушла (ухо́дит) в пятки** *у кого* талхакаф (гурдакаф, дилкаф) шудан; **~и не ча́ять в ко́м-л.** аз ҷон азизтар донистан; **боле́ть ~ой** *за кого-что*, о *ком-чём* аз дилу ҷон ғам хурдан, дилсузӣ кардан; **брать (хватать) за́ душу** *кого* ба ҳаяҷон овардан, дилро об кардан, мутаассир кардан; **вдохну́ть ду́шу** *во что* руҳ бахшидан, ҷон дамондан; **брать грех на́ душу** гуноҳро ба гардан гирифтан; **висе́ть над ~о́й** безор кардан, ба ҷон расондан, шилқин шудан; **влезть (зале́зть) в душу кому́-л.** 1) роздони касе шудан 2) ақли касеро рабудан 3) бо ҳар роҳ ба мағзи пусти касе даромадан; **вложи́ть душу во что-л.** бо майлу рағбат (меҳр монда) коре кардан; **войти в ду́шу к кому́-л.** дили касеро дуздидан; **вывернуть ду́шу** *кого, чью* безобита (мушавваш) кардан; **вывернуть душу [наизнанку]** *перед кем* дили худро кушодан, дилро холӣ кардан; **вымотать [всю] ду́шу** *кому* аз ҷон безор кардан, ба ҷон расондан; **вынуть ду́шу** *уст.* руҳан азоб додан, дил хун кардан; **вытрясти душу** *из кого* дуғ зада тарсондан; **вытянуть [всю] душу** безор кардан, аз ҷон сер кардан; **вышибить ду́шу** *из кого груб. прост.* зада куштан; **жить ~а в душу** дустона зиндагӣ кардан; **заглянуть в душу кому́-л.** рози касеро фаҳмида гирифтан; **изли́ть (открыть) ду́шу** *кому* дил холӣ кардан, рози дил гуфтан; **криви́ть ~о́й** дуруғ гуфтан, бевиҷдонӣ кардан; **отвести́ ду́шу** 1) мурод ҳосил кардан 2) дил холӣ кардан, дарди дил гуфтан; **отда́ть бо́гу ду́шу** аз олам гузаштан, ба худо амонатиро супурдан; **отдохну́ть ~ой (сердцем)** дами беғам задан; **отпусти душу на покаяние** *уст.* 1) *(пощади)* омурзиш меҳоҳам (металабам) 2) *(оставь в покое)* ба ҳолам гузор; **переболе́ть ~о́й** хуни дил (ҷигар) шудан; **переверну́ть [всю] ду́шу** *кого, чью, кому* хуни дил (ҷигар) кардан; **положить ду́шу** *за кого-что* ҷон додан, фидо шудан; **положи́ть душу** *на что* бо дилуҷон кардан; **стоять над ~ой** *чьей, у кого* мехи ҷафо барин ба сари касе истодан; **в чём [только] ~а́ де́ржится** ҷонаш ба лаб омадааст; **за ~ой есть (имеется)** *у кого* дар бисоташ ягон чиз дорад; **за ~о́й нет чего́-л.** *у кого* дар бисоташ чизе надорад; **за ~о́й у него нет ни копе́йки (ни гроша́)** вай ягон тин ҳам надорад; **как бог на́ душу поло́жит** пеш омад, хуш омад; **с ~и воротит** *прост.* дил беҳузур мешавад, нафрати кас меояд, дили кас беҷо мешавад; **ско́лько ~е́ уго́дно** бы қадри дилхоҳ

душе́вно *нареч. разг.* аз таҳти дил, бо дилу ҷон, самимона; **~ рад** аз таҳти дил хурсанд

душевнобольн||о́й, -ая, -о́е 1. бемори руҳӣ, девона; **~о́й челове́к** одами девона 2. *в знач. сущ.* **душевнобольной** *м*, **душевнобольная** *ж* бемори руҳӣ; **лече́бница для ~ых** касалхонаи беморони руҳӣ

душе́вность *ж* меҳрубонӣ, самимият, боилтифотӣ, хайрхоҳӣ

душе́вн||ый, -ая, -ое 1. ҷонӣ, ру́ҳӣ, ...и ҷон, ...и руҳ; **~ый подъём** руҳбаландӣ, ҷилои хотир; **~ое споко́йствие** хотирҷамъӣ 2. самимона, самимӣ, ...и дил, сидқӣ; **~ое отноше́ние** муносибати самимона; **~ый челове́к** одами самимӣ ◇ **~ые боле́зни** бемориҳои руҳӣ

душев||о́й I, -а́я, -о́е *офиц.* ...и ҳар сари аҳолӣ (кас); **~о́е распределе́ние дохо́дов** тақсими даромад ба ҳар сари кас; **~ое потребле́ние проду́ктов** истеъмоли озуқа ба ҳисоби саршумори аҳолӣ

душев||о́й II, -ая, -ое 1. ...и душ; **~ая устано́вка** душ; **~ое отделе́ние** душхона 2. *в знач. сущ.* **душевая** *ж* хонаи душдор, душхона

душегре́йка *ж уст.* гуппича, нимтана

душегу́б *м* 1. *уст. прост. (убийца)* қотил, хунхор, кушанда 2. *бран.* ҷаллод, хунхор

душегу́бец *м см.* **душегуб**

душегу́бка *ж* 1. *уст. прост. женск. к* **душегу́б**; 2. *разг. (лодка)* қаиқ 3. мошини одамкушӣ *(автомобили одамкушӣ, ки фашистони Германия барои бо газ қир кардани одамон ба кор мебурданд)*

душегу́бство *с уст. прост.* қотилӣ, хунхорӣ, кушандагӣ, ҷинояткорӣ

ду́шенька *ж* 1. *прост. уменьш.-ласк. к* **душа́** 1, 2 ҷон; 2. *ласк. обращ. (чаще к женщине)* ҷонам, ҷонакам, ҷони ширин

душеполе́зн||ый -ая, -ое *уст.* насиҳатомез, ибратбахш; **~ая бесе́да** суҳбати насиҳатомез

душеприказчик *м уст. юр.* васӣ

душеприказчица *женск. к* **душеприказчик**

душераздирающ||ий, -ая, -ее дилхарош, ҷонкоҳ; **~ая сцена** мочарои дилхарош; **~ий крик** фарьёди ҷонкоҳ

душеспасительн||ый, -ая, -ое (душеспасите|лен, -льна, -льно) *ист. церк.* савобкорона, ...и кори савоб (хайр), тасаллибахш; **~ые речи** сухани тасаллибахш

душечка *м, ж* 1. *(приятный человек)* ҷони одам 2. *см.* **душенька** 2

душещипательный, -ая, -ое (душещипате|лен, -льна, -льно) *разг. ирон.* риққатовар; **~ романс** суруди риққатовар

душист||ый, -ая, -ое (душист, -а, -о) хушбуй, муаттар; **~ое мыло** собуни хушбӯй; **~ая сирень** ёс

душитель *м уст.* буғикунанда, поймолкунанда, хафакунанда; **~ свободы** поймолкунандаи озодӣ

душить I *несов. кого-что* 1. хафа (буғӣ) кардан 2. нафас гардондан; **кашель душит** сулфа нафасро мегардонад 3. *перен.* гулӯгир кардан; **злоба душит** қаҳру ғазаб гулӯгир мекунад 4. *перен.* поймол кардан, пахш (зер) кардан; **~ свободу** озодиро поймол кардан ◇ **~ в объятиях** сахт оғуш кардан

душить II *несов. кого-что* хушбӯй кардан, атр задан; **~ носовой платок** ба дастрӯмолча атр задан

душиться I *несов.* 1. *(убивать себя)* худро хафа (буғӣ) кардан 2. *страд.* хафа (буғӣ) карда шудан

душиться II *несов.* ба худ атр задан

душица *ж бот.* кокутӣ, сисанбар *(хели гиёҳ ва гул, ки равғани эфир дорад)*

душка *м, ж разг.* одами дилкаш (дилнавоз, маъқул); **он такой ~!** вай бисьёр одами дилкаш аст!

душник *м уст. (в печке)* бодкаш

душно *в знач. сказ. безл.* 1. дим [аст]; **в комнате ~** ҳавои хона дим аст 2. *кому и без доп.* дил заъф мекунад, нафас танг шуд; **мне ~** дилам заъф мекуиад, нафасам танг шуд

душн||ый, -ая, -ое (душ|ен, -на, -но) дим, хафакунанда, нафас мегардондагӣ; **~ая комната** хонаи дим // *(знойный, жаркий)* гарм, тафсон; **~ый воздух** ҳавои тафсон

душ||ок *м разг.* 1. буи бад, бадбӯй; **рыба с ~ком** моҳии гандида (бӯй оварда) 2. *перен.* зуҳур, майл, тамоил; **консервативный ~ок** зуҳури (падидаи) куҳнапарастӣ

душонка *ж разг. пренебр.* фитрати паст, сиришти бад; **у него подлая ~** вай сиришти бад дорад; **он мелкая ~** вай пастфитрат аст

дуэлист *м* дуэльчӣ

дуэль *ж* 1. дуэль *(ҷанги якка ба якка, ҷанги тан ба тан байни ду рақиб)*; **вызвать на ~** ба дуэль ҷеғ задан 2. *перен.* мусобиқа

дуэльный, -ая, -ое ...и дуэль; **~ пистолет** таппончаи дуэль

дуэлянт *м см.* **дуэлист**

дуэнья *ж уст.* дуэнья *(мураббияи солхӯрдае, ки ба духтарҳо ва ҷавонзанон назорат мекард — дар Испания ва баъзе мамлакатҳои дигар)*

дуэт *м муз.* 1. дуэт *(асари мусиқи барои ду асбоб ё ду овоз)* 2. дуэт *(ансамбле, ки аз ду иҷрокунанда иборат аст)* 3. *в знач. нареч.* **дуэтом** *муз.* дукаса; **петь ~ом** дукаса хондан

дуэтный, -ая, -ое *муз.* ...и дуэт

дщерь *ж уст. книжн.* бинт, духт

дыб||а *ж уст.* шиканҷа *(асбоби махсуси азобдиҳӣ)*; **вздёрнуть на ~у** дар шиканҷа гирифтан

дыбн||ться *несов.* 1. сих шудан, рост шудан (хестан) 2. чорғпоя шудан; **лошадь ~лась от испуга** асп рамида чорғпоя мешуд

дыбки: встать на ~ *прост.* рост хестан, роҳгард шудан *(дар бораи бача)*

дыбом *нареч.* сих, рост, хеста; **шерсть у кошки поднялась ~** муи гурба сих шуд ◇ **волосы стали ~** мӯйҳо рост хестанд, муйҳо рост (сих) шудаанд *(аз тарс)*

дыбы: на ~ встать (подняться *и т. п.*) 1) *(о лошади)* чорғпоя шудан; **конь поднялся на ~** асп чорғпоя шуд 2) рост хестан (шудан) 3) *перен.* қатъиян қабул накардан, эътироз (зиддият) кардан

дылда *м, ж прост.* қаддарози бесулуқай

дым *м* 1. дуд; **табачный ~** дуди тамоку; **из трубы шёл ~** аз мӯрӣ дуд мебаромад 2. *ист. (дом, хозяйство)* хона, хоҷагӣ; **дань с ~а** дудпулӣ, хонапулӣ *(аз рӯи миқдори печка ва мӯрӣ дар Руси Қадим)* ◇ **в ~** *прост.* бисьёр сахт; **я поругался с ним в ~** маи бо вай бисьёр сахт ҷанг кардам; **пьяный в ~** масти лоякил; **~ коромыслом (столбом)** мағал, тӯпаланг, ғавғо; **нет ~а без огня, ~а без огня не бывает** ≈ *посл.* то шамол навазад, шохи дарахт намеҷунбад

дымарь *м пчел.* дудкунак *(асбоб барои дуд кардани занбурҳо)*

дымить *несов.* 1. дуд кардан, дуд сар додан; **печь дымит** печка дуд мекунад 2. *чем* тамоку кашидан; **~ папиросой** папирос кашидан

дыми||ться *несов.* 1. дуд кардан (баровардан); **~лись фабричные трубы** муриҳои фабрика дуд мебаровардaнд 2. буғ баровардан; бухор (туман) шудан; хестан; **над рекой ~лся туман** аз дарьё туман мехест

дымка *ж* 1. тумани тунук, пардаи тунуки дудмонанд; ғубор; **~ тумана** пардаи туман 2. *уст.* парниён

дымно *в знач. сказ. безл.* дудолуд [аст]; **в комнате ~** хона дудолуд аст

дымн||ый, -ая, -ое 1. пурдуд, сердуд, дудолуд, дуднок; **~ая головёшка** нимсӯхтаи дуднок; **~ое помещение** хонаи пурдуд 2. *перен.* туманмонанд; **~ое облачко** абри туманмонанд ◇ **~ая изба** *уст.* хонаи бедудкаш; **~ый порох** борути сиёҳ

дымов||ой, -ая, -ое дудӣ, ...и дуд; ...и дудкаш; **~ой столб** сутуни дуд; **~ая завеса** пардаи дуд; **~ая труба** мӯрии дудкаш // дуддор, дудкунанда; **~ой снаряд** снаряди дудкунанда; **~ая шашка** куттии дудӣ *(яке аз воситаҳои ба вуҷуд овардани дудпарда)*

дымогарн||ый, -ая, -ое: **~ый котёл** *тех.* деги буғ; **~ые трубы** *тех.* қубурҳои газгузар *(барои гарм кардани деги буғ)*

дымок *м уменьш.-ласк. к* **дым** 1 дуди тунук; **из трубы вился ~** аз мӯрӣ дуди тунук мебаромад

дымокур *м обл. (дымящийся костёр)* кӯрдуд *(махсус ба муқобили пашшаҳо)*

дымообразующ||ий, -ая, -ее: **~ие вещества** *воен.* моддаҳои дудофар *(моддаҳое, ки дудпарда месозанд)*

дымоотвод *м* дудбаро

дымосос *м* дудкаш *(аппарати махсуси дудкашӣ)*

дымоход *м* дудбаро, дудкаш; **открыть ~** дудбароро кушодан

дымчат||ый, -ая, -ое дудранг, хокистарранг; **~ый кот** гурбаи хокистарранг; **~ые очки** айнаки сиёҳ; **~ые стёкла** шишаҳои сиёҳ (тира)

дымянка *ж бот.* шоҳтара

дынн||ый, -ая, -ое ...и харбуза, харбузагӣ; **~ые семена** тухмҳои харбуза; **~ое варенье** мураббои харбуза

дыня *ж* харбуза

дыр||а *ж* 1. сурох, рахна, шикоф, тешук; **~а в заборе** рахнаи девор // ҷои дарида; **зашить ~у на рукаве** ҷои даридаи остинро дӯхтан; **платье в дырах** куртаи дарида 2. *перен. разг.* ҷои дурдаст, хилват, ҷои дури нообод ◇ **заткнуть дыры** *прост.* каму костро буд кардан; **износить до дыр** то порашавӣ пӯшидан

дырка *ж уменьш. к* **дыра** 1 сӯрох, шикоф; *(на одежде, обуви)* ҷои дарида

дырокол *м разг.* коғазсӯрохкунак

дыряв||ый, -ая, -ое 1. сӯрох-сурох, сершикоф; **~ое ведро** сатили тешук 2. дара-порашуда, дарида; **~ое платье** куртаи дарида; **~ый мешок** ҷуволи дарида ◇ **у него ~ая голова** *шутл.* вай одами фаромӯшхотир аст; **~ая память** фаромушхотирӣ, ҳофизаи суст

дыхальце *с* 1. *бот.* даҳонча *(сӯрохи ҳавогирӣ)* 2. *мн.* **дыхальца** *зоол.* даҳончаҳо *(сурохҳои нафасгирии ҳашарот)*

дыхани||е *с* нафаскашӣ, нафас, нафасгирӣ, дам; **органы ~я** узвҳои нафаскашӣ; **перевести ~е** дам гирифтан; **затаить ~е** нафас ба дарун гирифтан; **искусственное ~е** нафаси (иафасгирии) сунъӣ // ҳаври даҳон; **согревать руки ~ем** дастҳоро бо ҳаври даҳон (бо нафаси худ) гарм кардан // *перен. поэт.* насим, бод; **~е весны** насими баҳор ◇ **второе ~е** қувваи нав; **до последнего ~я** то нафаси охирин, то дами вопасин; **не переводя ~я** дам нагирифта, бо як нафас

дыхательн||ый, -ая, -ое ...и нафасгирӣ, ...и нафаскашӣ, ...и нафас; **~ое**

горло *анат.* хирной, нои (роҳи) нафас; ~**ые органы** узвҳои нафаскашӣ; ~**ый центр** маркази нафас

дыхнуть *сов. прост. и обл. см.* **дохнуть**

дышать *несов.* 1. нафас кашидан; **тяжело** ~ вазнин-вазнин (ба зур) нафас кашидан; **не** ~ нафас ба дарун гирифтан // *на кого-что* нафас баровардан, пуф кардан; ~ **на замёрзшее стекло** ба шишаи яхбаста пуф кардан; ~ **на озябшие руки** дастҳои хунукхурдаро бо ҳавои даҳон гарм кардан // *чем перен. поэт.* вазидан; ... будан; **степь дышала зноем** ҳавои дашт тафсон буд 2. *кем-чем* бо ҷону дил дода шудан; **она дышит только сыном** фикру зикри вай танҳо ба писараш банд аст, вай танҳо бо ёди писараш зинда аст 3. *чем перен.* намоён (зоҳир) будан; **её лицо дышит здоровьем** аз чеҳраи вай нур меборад, чеҳрааш гувоҳи тану ҷони солими уст ◇ ~ **воздухом чего-л.** *книжн.* дар ҳавое будан; ~ **на ладан** рамақ аз ҷон доштан; **еле (чуть)** ~ 1) *см.* ~ **на ладан**; 2) кухна (фарсуда) шудан, ба зур истодан; **дом еле дышит** хона ба зур истодааст

дышаться *несов. безл.*: **дышится легко** бемалол нафас кашида мешавад

дышло *с (оглобля)* шоту

дышлов||ой, -ая, -ое ...и шоту; ~**ая упряжь** абзоли шоту

дьявол *м* 1. иблис, шайтон, дев, ҷин 2. *бран.* шайтон, сабил ◇ [**для**] **какого ~а?, за каким ~ом?, на кой ~?** *прост.* чаро?, барои чӣ?, чӣ даркор?, чӣ гуфта...?; **что за** ~! ин чӣ бало [буд]!; **куда тебя ~ несёт?** ту ба кадом гур рафта истодаӣ?

дьяволёнок *м* 1. *разг.* шайтонча 2. *прост. (сорванец)* шайтон, шумшук

дьявольски *нареч. разг.* 1. ниҳоят дараҷа, беҳад, бисьёр, ҷудо ҳам; **я ~ устал** ман бисьёр монда шудам; ~ **хочется спать** хоб ғалаба мекунад 2. бо шарорат, шарирона; ~ **улыбнуться** бо шарорат табассум кардан

дьявольск||ий, -ая, -ое 1. иблисона, ...и иблис, шайтонӣ, ...и шайтон; ~**ое наваждение** васвасаи шайтон 2. *перен.* бадхашмона, бадхоҳона, бад; ~**ий характер** феъли бад; ~**ий замысел** қасди бадхоҳона 3. *разг.* бисьёр, бениҳоят сахт, ғайриоддӣ; ~**ое терпение** сабру тоқати бисьёр; ~**ий холод** хунукии сахт // *(трудный)* бисьёр сахт, хеле душвор, вазнин; ~**ая работа** кори бисёр душвор

дьявольщина *ж разг.* бесарусомонӣ; расвоӣ; сафсата; **что за ~!** ин чӣ расвоӣ!

дьяк *м* 1. *ист.* дьяк, муншӣ, мирзо; **думный** ~ муншии дума; **приказный** ~ мирзои идора 2. *см.* **дьячок**

дьякон *м церк.* дьякон (*ходими калисо, ёрдамчии кашиш ҳангоми ибодат*)

дьяконица *ж разг.* зани дьякон

дьяконский, -ая, -ое ...и дьякон, дьяконӣ

дьяконство *с* 1. *(сан дьякона)* дьяконӣ 2. *собир.* дьяконҳо

дьяконствовать *несов.* дьяконӣ кардан

дьячиха *ж разг.* зани дьячок

дьячковский, -ая, -ое ...и дьячок

дьячок *м церк.* дьячок (*ходими хурди калисо*)

дюже *нареч. обл. и прост.* бисьёр, сахт, ҷудо ҳам; ~ **холодно** бисьёр хунук

дюжий, -ая, -ее (дюж, -а, -е) *обл. и прост.* говзур; ~ **парень** ҷавони говзур

дюжина *ж* дувоздаҳ дона; ~ **ножей** дувоздаҳ дона корд ◇ **чёртова** ~ сездаҳ, адади наҳс

дюжинный, -ая, -ое оддӣ, муқаррарӣ

дюйм *м* дюйм (*ченаки дарозӣ баробари 2,54 см*)

дюймовка *ж разг.* 1. *(доска толщиной в дюйм)* тахтаи якдюймӣ 2. *(гвоздь длиной в дюйм)* мехи якдюймӣ

дюймов||ый, -ая, -ое дюймӣ, якдюймӣ; ~**ая доска** тахтаи якдюймӣ

дюнный, -ая, -ое ...и хома; ~ **песок** реги хома

дюны *мн.* (*ед.* **дюна** *ж.*) хомаҳои рег, реги равон

дюралев||ый, -ая, -ое дюралӣ; ~**ые палки** чубдастҳои дюралӣ (*барои лыжатозӣ*)

дюраль *м* дюраль *см.* **дюралюминий**

дюралюминиев||ый, -ая, -ое дюралюминӣ, ...и дюралюминий; ~**ая проволока** сими дюралюминӣ; ~**ые трубы** қубурҳои дюралюминӣ

дюралюминий *м* дюралюминий (*гудохтаи алюминий, мис ва марганец, ки бисьёр мустаҳкам ва сабук аст*)

дюшес *м* ношпутӣ

дягиль *м бот.* камол (*хели растании қадбаланди гулаш соябонмонанд*)

дяденька *м разг.* 1. *ласк. к* **дядя** 1 амакҷон; тағоҷон 2. *обращ.* амак; тағоӣ, тағо

дядин, -а, -о ...и амак, аз они амак; ...и тағо, аз они тағо

дядька *м* 1. *разг. (брат отца)* амак; *(брат матери)* тағо 2. *ист.* бачабон (*хизматгоре, ки дар оилаи аъёну ашроф ба нигоҳубини писарбача таъин карда мешуд*)

дядюшка *м ласк. к* **дядя** 1 амакҷон; тағоҷон

дядя *м* 1. *(брат отца)* амак; *(брат матери)* тағо 2. *обращ.* амак, тағоӣ, тағо 3. *разг.* марди танумаңди боқувват

дятел *м* эзорсурхак

дятловый, -ая, -ое ...и эзорсурхак

Е

Ева *ж*: **в костюме Евы** бараҳна, луб-луч

Евангелие *с* Инҷил

евангелист *м* 1. мураттиби Инҷил 2. евангелист, пайрави мазҳаби евангелистӣ

евангелическ||ий, -ая, -ое евангелисти, ...и евангелист, инҷилӣ, ...и Инҷил; ~**ая община** тарикати евангелистон

евангельский, -ая, -ое инҷилӣ, ...и Инҷил; ~ **текст** матни Инҷил

евгеника *ж* евгеника (*назарияи дар бораи беҳдошт ва такмили ирсияти инсон*)

евнух *м* хоҷасарой

евразийский, -ая, -ое ...и Евросиё, евросиёӣ; ~ **материк** қитъаи Евросиё

Евразия *ж* Евросиё (*калонтарин қитъаи олам, ки Европа ва Осиёро дар бар мегирад*)

евреи *мн.* яҳудиён

еврей *м* яҳудӣ

еврейка *ж* яҳудизан, яҳудидухтар, зани (духтари) яҳудӣ

еврейский, -ая, -ое яҳудӣ, ...и яҳудиён; ~ **язык** забони яҳудӣ

евровидение *с* евровизион (*системаи намоишҳои телевизион, ки тамоми мамлакатҳои Европаро дар бар мегирад, инчунин худи ин намоишҳо*)

европеец *м* европоӣ, аврупоӣ, аҳли Европа

европеизация *ж* (*по знач. гл.* **европеизировать**) европоикунонӣ, европоӣ кунонидан(и); (*по знач. гл.* **европеизироваться**) европоишавӣ, европоӣ шудан(и)

европеизировать *сов., несов. кого-что* европоӣ (аврупоӣ) кунонидан

европеизироваться 1. *сов., несов.* европоӣ (аврупоӣ) шудан 2. *несов. страд.* европоӣ (аврупоӣ) карда шудан

европейка *ж* европоизан, европоидухтар, зани (духтари) европоӣ

европейск||ий, -ая, -ое европоӣ, аврупоӣ, ...и Европа; ~**ая часть СССР** қисми европоии СССР

европейцы *мн.* европоиҳо, аврупоиҳо

европеоид *м антроп.* европеоид, европоинажод

европеоидн||ый, -ая, -ое: ~**ая раса** *антроп.* нажоди европоӣ (*яке аз се нажоди асосии одамизод, ки аксарияти аҳолии Европа, Шарқи Наздик, Америка, ва Ҳиндустони Шимолиро ташкил медиҳад*)

егерск||ий, -ая, -ое 1. ...и мерган; ~**ие принадлежности** афзоли мерган 2. *воен.* ...и егерь, егерӣ; ~**ий полк** полки егерӣ

егерь *м* 1. мерган, роҳбалади шикор 2. егерь (*хизматчии совхозҳои ҳайвонпарварӣ*) 3. *воен.* егерь (*аскари полки егерӣ*)

египетск||ий, -ая, -ое мисрӣ, ... и Миср; ~**ие пирамиды** аҳроми Миср

египтолог *м* мисршинос

египтология *ж* мисршиносӣ (*илми таҳқиқи таърих ва маданияти Мисри Қадим*)

египтяне *мн.* мисриҳо, аҳолии Миср

египтянин *м* мисрӣ, аҳли Миср

египтянка *ж* мисризан, мисридухтар, зани (духтари) мисрӣ

его́ *мест.* 1. *личн. род., вин. от* **он, оно́**; 2. *притяж.* ...и у, ...и вай, аз они у (вай); ~ **дом** хонаи у; ~ **кни́га** китоби вай; **по** ~ **про́сьбе** бо илтимоси вай

егоза́ *м, ж разг.* одами бекарор (саросема, бесаранҷом)

егоз||и́ть *несов. разг.* 1. ҷунбуҷул кардан; **не** ~**и́!** ором шин! 2. *перен.* чоплусӣ кардан

егозли́вость *ж разг.* беқарорӣ, саросемагӣ, бесаранҷомӣ

егозли́вый, -ая, -ое (егозли́в, -а, -о) *разг.* бекарор, саросема, сердавуғеч, бесаранҷом, ноором

еда́ *ж* 1. (*по знач. гл.* **есть** I 1) тановул, хӯрдан(и); **во вре́мя еды́** дар вакти тановул; **перед едо́й** пеш аз тановул; **после еды́** баъд аз тановул 2. *разг.* хурок, таом, ғизо; **вку́сная** ~ таоми лазиз

еда́ть *несов. разг. многокр. к* **есть** I 1

едва́ 1. *нареч.* ба зур, бо душворӣ, бо заҳмат; **я** ~ **дошёл до́ дому** ман ба зӯр то хона расидам; ~ **но́ги волочи́ть** пойро ба зӯр кашола кардан, бо нуги бинӣ хат кашида рафтан 2. *нареч.* кариб, наздик; **я** ~ **не упа́л** ман қариб афтида будам; **он** ~ **жив оста́лся** вай қариб мурда буд 3. (*немного*) камакак, андак, саҳл 4. *нареч.* навакак, акнун; **ма́льчику** ~ **мину́ло пять лет** бача навакак панҷсола шуд 5. *союз* (*как только*) ҳамин ки..., вакте ки..., ҳангоме ки...; ~ **проби́ло семь часо́в, все просну́лись** ҳамин ки соат занги ҳафтро зад, ҳама бедор шуданд ◇ ~ **ли** ба (дар) гумон аст, гумон аст; ~ **ли он придёт** омадани вай дар гумон аст, эҳтимол вай наояд; ~ **ли не...** гуфтан мумкин аст, ки...; **он счита́лся** ~ **ли не лу́чшим стрелко́м** гуфтан мумкин аст, ки у беҳтарин тирандоз буд; ~-~ ба зӯр, аранг-аранг; **зву́ки пе́сни** ~-~ **доноси́лись до нас** садои суруд аранг-аранг ба гӯши мо мерасид

едине́ни||е *с* якшавӣ, ягонагӣ, иттиҳод, иттифоқ, ваҳдат; ~**е па́ртии и наро́да** ягонагии партия ва халқ; **в** ~**и си́ла** қувва дар иттиҳод аст

едини́ть *несов. кого-что уст.* як (муттаҳид) кардан

едини́ц||а *ж* 1. (*цифра*) як // *мн.* **едини́цы** *мат.* якиҳо 2. *шк.* [баҳои] як; **получи́ть** ~**у** баҳои як гирифтан 3. воҳид; ~**а ве́са** воҳиди вазн; ~**а си́лы то́ка** воҳиди қувваи ҷараёни электр; **де́нежная** ~**а** воҳиди пул 4. (*обособленная часть*): **боева́я** ~**а** *воен.* қисми алоҳидаи қушун 5. *мн.* **едини́цы** якта-нимта; **подо́бных ему́** — ~**ы** вай бариниҳо якта-нимта ёфт мешаванд

едини́чность *ж* ягона будан(и), ба нудрат руй додан(и); ~ **явле́ний** ба нудрат руй додани ҳодисаҳо

едини́чн||ый, -ая, -ое (едини́ч|ен, -на, -но) 1. ягона, яккаву ягона, яккаву танҳо; ~**ый слу́чай заболева́ния** фақат як бор пайдо шудани бемори 2. алоҳида, ҷудо, танҳо, якка; ~**ые фа́кты** фактҳои алоҳида

едино: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «як», «ягона», «ҳам» ва «умумӣ»:* **единообра́зный** якшакла, ҳамшакл, якхела; **единопле́менник** ҳамқабила, ҳамқавм

единобо́жие *с* яккудоӣ

единобо́рец *м уст.* паҳлавони ҷанги тан ба тан

единобо́рство *с* ҷанги якка ба якка, ҷанги тан ба тан; **вступи́ть в** ~ **с проти́вником** бо душман якка ба якка ҷангидан

единобо́рствовать *несов. уст.* якка ба якка ҷанг кардан, тан ба тан ҷангидан

единобра́чие *с* якзанӣ; якшавҳарӣ

единове́рец *м* 1. ҳаммазҳаб 2. якмазҳаб (*пайрави яке аз тариқатҳои мазҳаби насронӣ*)

единове́рие *с* 1. (*общность религии*) ҳаммазҳабӣ 2. (*секта*) якмазҳабӣ (*яке аз тариқатҳои мазҳаби насронӣ, ки тарафдори дину оини қадим мебошад*)

единове́рный, -ая, -ое ҳаммазҳаб

единове́рческий, -ая, -ое ...и якмазҳабӣ, ...и якмазҳаб

единове́рчество *с см.* **единове́рие** 2

единовла́стие *с* яккаҳукмронӣ, ҳокимияти мутлақа

единовла́стно *нареч.* бо ҳукми худ, ба сари худ, шахсан

единовла́стн||ый, -ая, -ое (единовла́ст|ен, -на, -но) яккаҳукмрон; ~**ое правле́ние** яккаҳукмронӣ

единовре́менно *нареч.* якбора; **пла́та вно́сится не** ~, **а в два сро́ка** пул якбора не, балки дар ду муҳлат супурда мешавад

единовре́менн||ый, -ая, -ое яквақта; ~**ое посо́бие** ёрдампулии яквакта

единогла́сие *с* ҳамфикрӣ, ҳамраъӣ; **дости́гнуто по́лное** ~ ҳамфикрии пурра ба вуҷуд омад

единогла́сно *нареч.* бо як овоз, бо ҳамраъӣ, якдилона; **реше́ние при́нято** ~ қарор бо як овоз қабул шуд

единогла́сн||ый, -ая, -ое (единогла́с|ен, -на, -но) якдилона; ...и умум, умумӣ; ~**ое постановле́ние** қарори якдилона

единодержа́вие *с уст.* ҳокимияти мутлақа

единодержа́вный, -ая, -ое *уст.* мутлақ(а), мустабид, ...и ҳокимияти мутлақа (номаҳдуд)

единоду́шие *с* якдилӣ, ҳамраъӣ, ҳамфикрӣ; **прояви́ть** ~ ҳамфикр будан

единоду́шно *нареч.* якдилона, бо ҳамраъӣ; ~ **согласи́ться с че́м-л.** бо чизе якдилона розӣ шудан

единоду́шн||ый, -ая, -ое (единоду́ш|ен, -на, -но) якдилона, ҳамфикр, ҳамраъӣ; ~**ое реше́ние** қарори якдилона

еди́ножды *нареч. уст.* 1. як бор, як дафъа; **он был не** ~ **ра́нен** вай чанд бор захмдор шуда буд 2. (*однажды*) боре, рӯзе, замоне, вақте 3. (*при умножении*) як карат; ~ **два — два** як карат ду — ду

единокро́вн||ый, -ая, -ое 1. ҳамхун, падарьяк; ~**ые бра́тья** бародарони падарьяк 2. ҳамнажод, ҳамқавм; ~**ые наро́ды** халқҳои ҳамқавм

единоли́чник *м* деҳқони яккадаст

единоли́чно *нареч.* якка, ба сари худ, шахсан; **реши́ть что́-л.** ~ кореро якка (ба сари худ) ҳал кардан

единоли́чн||ый, -ая, -ое 1. ...и деҳқони яккадаст; ~**ое хозя́йство** яккахоҷагӣ 2. хусусӣ, шахсӣ; ~**ое мне́ние** фикри шахсӣ

единомы́слие *с* ҳамфикрӣ, ҳамақидагӣ

единомы́шленник *м* 1. ҳамфикр, ҳамакида 2. (*соучастник*) шарик, ҳамкор, ҳамдаст

единонасле́дие *с юр.* яккаворисӣ (*тартиботи тақсими мерос, ки мулки ягон шахс баъд аз вафоташ ба писари калони вай мегузарад*)

единонача́лие *с* яккасардорӣ

единообра́зие *с* якшаклӣ, ҳамшаклӣ, як хел будан(и)

единообра́зно *нареч.* якхела, якранг

единообра́зный, -ая, -ое (единообра́з|ен, -на, -но) якшакла, ҳамшакл, якхела

единопле́менник *м* ҳамқабила, ҳамқавм

единопле́менный, -ая, -ое ҳамқабила, ҳамқавм

единоро́г *м* 1. *зоол.* нарвал (*ҳайвони нодири баҳр аз ҷинси дельфин ки дар фукаш як шох дорад*) 2. *миф.* аспи якшоха (*ҳайвони афсонавӣ, ки ба шакли аспи якшоха тасвир мешавад*)

единоро́дный, -ая, -ое *уст.* ягона, якка, яккаву ягона (*дар бораи фарзанд*); ~ **сын** яккаписар, тоқаписар

единоутро́бн||ый, -ая, -ое ҳамбатн, модарьяк; ~**ые бра́тья** бародарони ҳамбатн

еди́нственно 1. *нареч.* ягона, танҳо; ~ **досту́пный спо́соб** ягона роҳи имконпазир 2. *в знач. частицы* (*только*) танҳо, фақат; **он сказа́л э́то** ~ **зате́м, что́бы...** вай инро танҳо барои он гуфт, ки...

еди́нственн||ый, -ая, -ое ягона, якка, як-та; ~**ый ребёнок** фарзанди ягона; **оди́н-**~**ый** яккаву ягона, фақат якта; **за э́то вре́мя я получи́л одно́** ~**ое письмо́** дар ин муддат ман фақат як-та хат гирифтам ◇ ~**ое число́** *грам.* шумораи танҳо, шакли танҳо, шакли муфрад; ~**ый в своём ро́де** бемисл, беҳамто

еди́нство *с* 1. ягонагӣ, иттиҳод, муттаҳидӣ; **мора́льно-полити́ческое** ~ **сове́тского наро́да** ягонагии маънавию сиёсии халқи советӣ 2. ягонагӣ; ~ **тео́рии и пра́ктики** ягонагии назария ва амалия; ~ **фо́рмы и содержа́ния** ягонагии шаклу мазмун; ~ **и борьба́ противополо́жностей** *филос.* ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо 3. умумият, як будан(и); ~ **мне́ний** ҳамфикрӣ; ~ **интере́сов** умумияти манфиатҳо

еди́н||ый, -ая, -ое (еди́н, -а, -о) 1. ягона, умумӣ, ...и умум; ~**ое мне́ние** ақидаи умум; ~**ый план де́йствий** нақшаи ягонаи амалиёт; ~**ое руково́дство** роҳбарияти ягона; ~**ый**

государственный бюджет СССР буҷети ягонаи давлатии СССР 2. якҷоя, муттафиқ(она), ягона; **действовать ~ым фронтом** муттафиқона амал кардан; **~ый технологический процесс** процесси ягонаи технологи 3. *чаще с отриц.* як, ягон, як-та ҳам, ягон-та ҳам; **на небе ни ~ого облачка** дар осмон ягон парча ҳам абр нест; **нет ни ~ой свободной минуты** ягон дақиқа ҳам вақти холӣ нест ◇ **~ым духом, ~ым махом** 1) *(очень быстро)* бо як шаст 2) *(сразу)* ба якборагӣ, якбора; **всё ~о** ҳамааш як, фарқ надорад; **все до ~ого** ҳама бе истисно

е́дк||ий, -ая, -ое (едок, едка, е́дко) 1. сӯзонанда, хуранда, тунду тез; **~ий дым** дуди тунду тез; **~ая кислота** кислотаи тез, тезоб 2. *перен.* талх, тунду тез, нешдор, истеҳзоомез; **~ая ирония** заҳрханда, ришханд; **~ие слова** суханони нешдор

е́дко *нареч.* 1. тез, тунд; **~ запахло бензином** буи тези бензин омад 2. *перен.* талх, тунду тез, нешдор, истеҳзоомез

е́дкость *ж* 1. сӯзонандагӣ, тундӣ тезӣ 2. *перен.* талхӣ, заҳрнокӣ, истеҳзоомез будан(и)

едо́к *м* 1. хуранда, нонхӯр; **количество продуктов на ~а́** миқдори озуқа ба ҳар сари хӯранда 2. аъзои оила, ҷон, хуранда: **семья из пяти ~о́в** оилаи иборат аз панҷ хӯранда 3. *разг.* хуро; **он хороший ~** вай одами бисьёр хуро аст

еду́н *м*: **~ напал** *прост.* иштиҳо карнай [шуд], иштиҳо қозғир [аст]

её *мест.* 1. *личн. род., вин. от* **она** 2. *притяж.* ...и у, ...и вай, аз они у (вай); **её вещи** чизҳои у; **её дети** фарзандони вай

ёж *м* 1. *зоол.* хорпушт 2. *воен.* ғави симхор ◇ **морской ёж** хорпушти баҳрӣ

еже: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҳар»:* **ежемесячный** ҳармоҳа

ежевечерний, -яя, -ее ҳаршаба

ежеви́ка *ж* *(куст.)* марминҷон; *(ягоды)* меваи марминҷон

ежеви́чник *м* марминҷонзор

ежеви́чн||ый, -ая, -ое ...и марминҷон; **~ый куст** буттаи марминҷон; **~ое варенье** мураббои марминҷон

ежего́дник *м* нашрияи солона

ежего́дно *нареч.* ҳар сол; **он ~ ездит на курорт** вай ҳар сол ба курорт меравад

ежего́дный, -ая, -ое ҳарсола, солона; **~ отчёт** ҳисоботи ҳарсола; **~ оплачиваемый отпуск** отпуски ҳарсолаи бамузд; **~ вестник** ахборотномаи солона

ежедне́вно *нареч.* ҳар рӯз

ежедне́вн||ый, -ая, -ое ҳаррӯза, рӯзмарра, явмия; **~ая сводка** ахбороти ҳаррӯза

ежекварта́льно *нареч.* ҳар квартал, дар ҳар квартал, квартал ба квартал

ежекварта́льный, -ая, -ое ҳаркварталӣ, ҳаркварталa

е́жели *союз уст. и прост. см.* **если**

ежеме́сячник *м* нашри ҳармоҳа, журнали ҳармоҳа

ежеме́сячно *нареч.* ҳар моҳ, моҳ ба моҳ

ежеме́сячный, -ая, -ое ҳармоҳа, моҳ ба моҳ, моҳиёна; **~ отчёт** ҳисоботи ҳармоҳа

ежеминутно *нареч.* ҳар дақиқа, дақиқа ба дақиқа; ҳар лаҳза, ҳар дам, дам ба дам, ҳар замон; **телефон звонил ~** телефон дам ба дам занг мезад

ежеминутный, -ая, -ое ҳардақиқагӣ, ...и ҳар дақиқа, ҳарлаҳзаина

еженеде́льник *м* газетаи (рӯзномаи) ҳафтаина; журнали (маҷаллаи) ҳафтаина

еженеде́льно *нареч.* ҳар ҳафта, ҳафта ба ҳафта

еженеде́льн||ый, -ая, -ое ҳафтаина; **~ая газета** газетаи ҳафтаина

еженощно *нареч.* ҳар шаб

еженощный, -ая, -ое ҳаршаба

ежесекундно *нареч.* ҳар сония, сония ба сония; ҳар дам, ҳар лаҳза

ежесекундный, -ая, -ое ҳарсониягӣ; муттасил, ...и ҳар лаҳза

ежесу́точно *нареч.* ҳар шабонарӯз

ежесу́точный, -ая, -ое ҳаршабонарӯзӣ

ежеча́сно *нареч.* ҳар соат, соат ба соат

ежеча́сный, -ая, -ое ҳарсоата, ҳарсоатӣ

ёжик *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **ёж**; 2. *(мужская стрижка)* ёжик *(мӯйсари кутоҳ кайчӣ кардашуда)* 3. *в знач. нареч.* **ёжиком** фахшуда, сихшуда; **волосы у него торчали ~ом** мӯи сараш сих шуда буд

ёжиться *несов.* 1. ғунча шудан, ба худ кашида шудан; **~ от холода** аз сармо ғунча шудан 2. *перен. разг.* дудила шудан; хиҷолат кашидан, шарм доштан

ежи́ха *ж* хорпушти мода

ежо́в||ый, -ая, -ое хорпуштӣ, ...и хорпушт ◇ **держать кого-л. в ~ых рукавицах** нисбат ба касе сахтгир будан

езд||а́ *ж* 1. *(по знач. гл.* **ездить** 1—3) рафтан(и), рафтуо кардан(и) *(савора)*; **быстрая ~а** гашти тез; **верховая ~а́** аспсаворӣ 2. *в сочет. с сущ., обозначающими время:* **в двух часах ~ы от города** аз шаҳр дусоата роҳ

е́зди||ть *несов.* 1. рафтан, рафтуо (гардиш, сафар) кардан *(савора)*; **~ть верхом** савора гардиш кардан; **на работу он ~т на троллейбусе** вай ба кор бо троллейбус меравад 2. ронда (идора карда) тавонистан; **он хорошо ~т на мотоцикле** вай мотоциклро нағз ронда метавонад 3. рафтан, омадан; **он часто ~т к нам** вай тез-тез ба хонаи мо омада меистад 4. *перен. разг.* лағжидан, ғеҷидан; **подпруга не подтянута, и седло ~т** аил таранг кашида нашудааст, зин мелағжад ◇ **~ть верхом на ком-л.** касеро хар карда савор шудан

ёздк||а *ж разг.* роҳ, раҳ *(рафтан барои кашондани чизе)*; **перевезти весь груз за три ~и** тамоми борро дар се раҳ кашондан

ездов||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и саворӣ, ...и гаштан(и), ...и рафтан(и) *(савора)*; **~а́я лошадь** аспи саворӣ 2. *в знач. сущ.* **ездово́й** *м воен.* аробакаши ҳарбӣ

ездо́к *м* 1. савора, аспакӣ, аспсавор 2. савор, савори хуб

езжа́||ть *несов.* 1. *см.* **ёзживать; 2.** *повел.* **~й(те)** *прост.* рав(ед), рафтан гир(ед)

ёзжен||ый, -ая, -ое (ёзжен, -а, -о) *разг.* 1. ром, ромшуда; **~ый конь** аспи ромшуда 2. аробагузар, мошингузар; **~ая дорога** роҳи аробагузар (мошингузар)

ёзживать *несов. разг. многокр. к* **ездить** 1—3

ей *мест. личн дат. от* **она́**

ей-бо́гу *межд. разг.* ба худо!, ба ростӣ!, худо шоҳид!

ей-ей *межд. прост.* ба ростӣ, ростӣ ◇ **ёй-же-ёй** *то же, что* **ей-ей**

ёкать *несов. разг.* *(замирать — о сердце)* гуп-гуп задан, тапидан; таҳ кашидан

ёкну||ть *сов. однокр. к* **ёкать**; **у него сердце ~ло** дилаш якбора таҳ кашид

е́ле *нареч.* 1. ба зӯр, бо душворӣ, бо заҳмат; **он ~ волочил ноги** вай ба зӯр қадам мемонд 2. қариб, наздик, аранг-аранг; **он ~ остался жив** вай қариб мурда буд ◇ **~-~** ба зӯр; **~-~ душа в теле** *погов.* биниашро дорӣ, ҷонаш мебарояд

еле́й *м* 1. *церк.* равғани зайтун 2. *перен.* марҳам

еле́йность *ж* мулоимхунукӣ; тамаллуқ

еле́йн||ый, -ая, -ое мулоимхунук(она), тамаллуқомез; **~ый голос** овози тамаллуқомез; **~ые речи** суханҳои мулоимхунукона

ели́ко *нареч.*: **~ возможно** *уст.* ба қадри имкон

ёлка *ж* 1. *см.* **ель**; 2. арча, ёлка; **новогодняя ~** арчаи солинавӣ 3. *в знач. нареч.* **ёлкой, в ёлку** ба шакли шохи арча (ель)

ело́в||ый, -ая, -ое ...и дарахти арча (ель); **~ые ветки** шохчаҳои арча (ель); **~ый лес** арчазор, ҷангали арча ◇ **голова ~ая** *прост.* каллакаду

елозить *несов. прост.* гавак кашидан, палмида гаштан; **~ по полу** руруи хона гавак кашидан

ёлочк||а *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **ёлка** ниҳолчаи арча (ель) 2. **ёлочка** аппаратн ширдӯшӣ 3. *в знач. нареч.* **ёлочкой, в ёлочку** ба шакли шохи арча; **паркет был выложен ~ой** паркет арчашакл фарш карда шуда буд

ёлочн||ый, -ая, -ое ...и арча; **~ые украшения** зинату ороишоти арча

ель *ж* коч, ель

е́льник *м* 1. *(лес)* арчазор, ҷангали (бешаи) арча 2. *(ветки)* шохҳои буридаи арча; **пол землянки был устлан ~ом** ба заминкан шохҳои арча густурда шуда буд

ёмки́й, -ая, -ое (ём|ок, -ка, -ко) ка-

лон, васеъ, гунҷоишдор, бисьёр мебурдагӣ; ~ чемодан ҷомадони васеъ

ёмкост||ь *ж* 1. гунҷоиш, зарфият 2. *мн.* **ёмкости** *тех.* зарфҳо; **~и с горючим** зарфҳои сузишворӣ ◇ **меры ~и** ченакҳои зарфият; **~ь рынка** *эк.* имконоти бозор; **~ь лёгких** *мед.* ҳаҷми шуш

ему́ *мест. личн. дат. от* **он, оно́**

ендова́ *ж ист.* бати шароб

енот *м* енот *(ҳайвони ширхӯри зардпусти бешазор)*; *(мех)* пусти енот; **воротник из ~а** гиребони пусти енот

енотови́дн||ый, -ая, -ое: **~ая собака** саги енотмонанд

ено́тов||ый, -ая, -ое ...и енот, енотӣ; **~ая шуба** пустини енотӣ

епанча́ *ж ист.* епанча *(либоси болопуши қадимаи русӣ)*

епа́рхия *ж церк.* епархия *(вилояти тобеи епископ)*

епи́скоп *м церк.* епископ, усқуф *(мансаби олии руҳониёни насронӣ)*

ерала́ш *м разг.* аралаш

ерепе́ниться *несов. прост.* якраҳагӣ (гарданшахӣ) кардан

е́ресь *ж* 1. *церк.* бидъат; **впасть в ~** ба роҳи бидъат даромадан 2. *перен.* *(отступление от правил)* риоя накардани қоидаҳои умумӣ, каҷравӣ 3. *перен. разг.* *(чепуха)* сафсата, беҳуда; **что за ~ ты городи́шь?** чӣ сафсатафурушӣ мекунӣ?

ерети́к *м церк.* аҳли бидъат, бидъаткор

ерети́ческий, -ая, -ое *церк.* ...и бидъат, бидъаткор(она)

ерети́чка *женск. к* **еретик**

ёрза||ть *несов. разг.* ором нанишастан, беқарорӣ кардан; **мальчик всё время ~л на сту́ле** писарбача дар стул ором наменишаст

е́рик *м (проток)* шохоб *(байни дукул ё дарьёю кул)*

ермо́лка *ж* аракчин

е́рник *м обл.* паттазор

ёрник *м уст. прост.* авбош, бадахлоқ; бадлафз, бадгап

ерошить *несов. что разг.* фаххак (пахмоқ, жулида) кардан *(мӯй, пашм-ро)*

еро́шиться *несов. разг.* фаххак (пахмоқ, жулида) шудан *(оид ба мӯй, пашм)*

ерунд||а́ *ж разг.* 1. гапи беҳуда, сафсата, ҳарза, ёва; **говори́ть ~у́** ҳарза гуфтан 2. *(пустяк)* чизи ноарзанда (беаҳамият), кори саҳл; **это для меня́ сущая ~а́** ин барои ман кори саҳл аст ◇ **~а́ на по́стном масле** дуруғи маҳз, дуппа-дуруғ, фаҷу лаҷ

ерундить *несов. прост.* сафсатагуӣ кардан, ҳарза (ёва) гуфтан

ерундо́вский, -ая, -ое *см.* **ерундовый**

ерундо́вый, -ая, -ое 1. беҳуда, пуч, бемаънӣ; беаҳамият 2. содда, осон, саҳл

ёрш I *м* 1. ёрш *(моҳии хурди болхори хордор)* 2. сунба, щётка *(барои [illegible] кардани шишаи чароғ, мили [illegible]тиқ ва ғ.)* 3. *в знач. нареч.* **ершо́м** [illegible]уда, сихшуда; **волосы у него стоя́ли ершо́м** мӯйсари вай сих меистод

ёрш II *м разг.* ёрш *(омехтаи арақу пиво, ки тез маст мекунад)*

ерши́стый, -ая, -ое (ершист, -а, -о) *разг.* 1. *(о волосах)* фах, сих, пахмоқ 2. *перен.* оташинмизоҷ, ҷангара; **он па́рень ~** у ҷавони ҷангара аст

ерши́ть *несов. что разг.* фаххак (сих, пахмоқ, жулида) кардан *(мӯй, пашм-ро)*

ерши́ться *несов. разг.* 1. фаххак (сих, пахмоқ, жулида) шудан *(оид ба мӯй, пашм)* 2. *перен.* оташин (тез) шудан, ситеза кардан

есау́л *м ист.* ясовул

е́сли *союз* 1. агар, мабодо, модом ки..., дар сурате ки...; **~ он придёт, то скажи́ ему́ об э́том** агар омада монад, инро ба ӯ бигӯй; **~ бы он знал, он э́того бы не сде́лал** агар ӯ медонист, ин корро намекард 2. *в сочет. с частицами «же», «даже»* ...ҳам, агар, гарчанде, гарчанде ки...; **~ да́же он и дово́лен, то никогда́ не покажет э́того** у қаноатманд бошад ҳам, инро ҳаргиз зоҳир намекунад 3. *в сочет. с частицей «бы», «б» для выражения желания* кошки, агар; **~ бы он был здесь!** кошки вай ин ҷо мешуд! ◇ **~ бы да кабы́** *шутл.* агару магар; **~ уж на то пошло́...** агар кор ба ҳамин онд шуда бошад...; ҳоло ҳамин хел бошад...

есте́ственник *м* табиатшинос

есте́ственно 1. *нареч.* табиатан, ба тарзи оддӣ, табиӣ; **э́то получи́лось у него́ вполне́ ~** ин кори вай комилан табиӣ баромад 2. *в знач. вводн. сл.* табиист, албатта, бечуну чаро; **~, он согласи́лся** албатта, вай розӣ шуд; **он, ~, выполнил своё обеща́ние** вай ваъдаи худро албатта иҷро кард

есте́ственность *ж* 1. табиӣ будан(и) 2. табиӣ (оддӣ) будан(и), бетакаллуфӣ; **~ поведе́ния** табиӣ будани рафтор, бетакаллуфии рафтор

есте́ственн||ый, -ая, -ое (есте́ствен, -на, -но) 1. табиӣ, ...и табиат; **~ые бога́тства страны́** сарватҳои табиии мамлакат; **~ые грани́цы** худудҳои табиӣ; **~ые нау́ки** фанҳои табиатшиносӣ 2. табиӣ, қонунӣ; **~ая смерть** марги табиӣ; **~ый путь разви́тия** роҳи табиии тараққиёт 3. табиӣ, ҳақиқӣ; **~ый цвет ко́жи** ранги табиии пуст 4. оддӣ, муқаррарӣ; **~ый ход веще́й** чараёни муқаррарии ҳодисаҳо 5. *(непринуждённый)* табиӣ, оддӣ, озод(она), бетакаллуф(она); **~ый жест** ҳаракати бетакаллуфона **~ый отбо́р** *биол.* интихоби табиӣ; **~ым о́бразом** табиатан, ба тарзи табиӣ

естество́ *с* 1. *книжн.* сиришт, фитрат, моҳият 2. *уст.* табиат

естествове́д *м* табиатшинос

естествове́дение *с см.* **естествозна́ние**

естествозна́ние *с* табиатшиносӣ

естествоиспыта́тель *м* [олими] табиатшинос

есть I *несов.* 1. *кого-что и без доп.* хӯрдан, тановул кардан; **хо́чется ~** дил хӯрок металабад 2. *что (о кислоте и т. п.)* хӯрдан, буридан, сузондан; *(о ржавчине)* занг задан; *(о дыме)* сузондан; **дым ест глаза́** дуд чашмро месузонад 3. *кого-что перен. прост.* безор кардан, ба ҷон расондан, гушу майнаи касеро хурдан; **~ пое́до́м** гушу майнаи касеро хурдан, рӯз нишон надодан ◇ **~ глаза́ми** тамаллуқомез чашм духтан; **~ чужо́й хлеб** аз ҳисоби дигарон зиндагӣ кардан; **~ про́сит (про́сят)** *шутл.* ошу нон те, мегуяд, кораш шудааст *(дар бораи пойафзол)*; **ешь — не хочу́** *прост.* серию пурӣ

есть II 1. *3 л. ед. наст. вр. от* **быть** аст, ҳаст; **что ~ и́стина?** ҳақиқат чист? 2. *в знач. других лиц наст. времени от быть:* будан, шудан; **мы все [есть] его́ ученики́** мо ҳама шогирдони ӯ мебошем; **кто ты ~?** худи ту кистӣ? 3. *в знач. сказ. безл.* аст, ҳаст; **у тебя́ ~ така́я кни́га?** ту ин хел китоб дорӣ?; **~ наде́жда, что больно́й попра́вится** умед ҳаст, ки бемор сиҳат мешавад; **там ~ чему́ поучи́ться** он ҷо чизи омухтанӣ ҳаст ◇ **~ тако́е де́ло** бисьёр хуб, маъқул, хуб шудааст; **[вот] то-то и ~** ҷони гап дар ҳамин; **как ~** комилан, тамоман; **како́й ни [на] ~** *прост.* чӣ хеле ки бошад; ҳар чӣ ки бошад; **кто ни [на] ~** *прост.* кӣ, ки бошад, ҳар кӣ бошад, ҳар кас; **что ни [на] ~** *прост.* бисьёр, ҷудо, гузаро, ниҳоят дараҷа; **оди́н как ~** тоқа, як сару ду гуш; **так и ~** дар ҳақиқат, ҳам ҳамин хел аст; **то́лько и ~** ҳамину халос, буду шудаш ҳамин аст

есть III *межд. воен.* итоат, хуш, қабул, хуб *(нидои қабул дар ҷавоби фармон)*; **вызовите команди́ра! — Есть!** командирро чеғ занед! — Итоат!

ефре́йтор *м* ефрейтор

ефре́йторск||ий, -ая, -ое ефрейторӣ, ...и ефрейтор; **~ое зва́ние** унвони ефрейтор

е́хать *несов.* 1. рафтан сафар кардан *(савора)*; **~ верхо́м [на ло́шади]** аспакӣ (аспсавор) рафтан; **~ на маши́не** мошинсавор рафтан 2. рафтан, ҳаракат кардан; **са́ни е́хали по хорошо́ расчи́щенной доро́ге** чана бо роҳи нағз тозашуда мерафт 3. рафтан, баромада рафтан, ба сафар баромадан *(савора)*; **мы е́дем в экспеди́цию** мо ба экспедиция меравем 4. *перен. разг.* лағжидан, [аз ҷо] беҷо шудан, дур шудан; **на льду но́ги так и е́дут в ра́зные сто́роны** дар болои ях пой ба ҳар тараф мелағжад ◇ **да́льше ~ не́куда** аз ин бадтар намешавад; **~ на свои́х [на] двои́х** пиёда рафтан; **ули́та е́дет, да когда́-то бу́дет** *погов.* кай, ки думи шутур ба замин расад; бузак, бузак, намур, ки баҳор меояд

ехи́дна *ж* 1. *зоол.* ехидна *(ҳайвони ширхӯри тухмзо дар Австралия)* 2. *зоол.* ехидна *(мори заҳрдори Австралия)* 3. *перен. разг.* одами заҳрзан (талхзабон), нешзабон

ехи́дничать *несов. разг.* талхгуй кардан; неш задан, заҳрханда кардан

ехи́дно *нареч.* талхгуёна, нешзанон

ехи́дн||ый, -ая, -ое (ехи́д|ен, -на, -но) талхгуй, заҳрзабон, нешдор; **~ое замеча́ние** пичинги заҳромез

ехи́дство *с* талхгуӣ, нешзанӣ

ехи́дствовать *несов. см.* **ехи́дничать**

ещё 1. *нареч.* боз, боз ҳам, илова бар он; **что тебе́ ~ на́до?** боз ба ту чӣ лозим? 2. *нареч. (до сих пор, пока)* то ба ҳол, то ҳол, ҳозир, ҳануз, ҳоли ҳозир; **луна́ ~ не взошла́** моҳ ҳанӯз набаромадааст; **они́ ~ не спа́ли** онҳо ҳануз нахобидаанд; **нет ~** ҳоло не, ҳануз не; **ты ко́нчил рабо́ту? — Нет ~** ту коратро тамом кардӣ? — Ҳануз не 3. *нареч. (уже)* кайҳо; **он уви́дел меня́ ~ издалека́** вай аз дур маро дида монд 4. *нареч.* боз, ҳоло, ҳоло боз; **я ~ успе́ю проче́сть э́ту кни́гу** ман ба хондани ин китоб ҳоло фурсат дорам; **до на́шего отъе́зда ~ три дня** то рафтани мо боз се руз ҳаст 5. *нареч. при сравн. ст. (более)* боз, боз ҳам; **он стал ~ сильне́е** вай боз ҳам зуртар (бақувваттар) шудааст; **они́ сде́лали э́то ~ лу́чше** онҳо ин корро боз ҳам хубтар карданд 6. *союз. уступ.* ҳоло, ҳануз бошад ҳам; **~ то́лько февра́ль, а ремо́нт тра́кторов уже́ зако́нчился** ҳануз феврал бошад ҳам, таъмири тракторҳо ба анҷом расид 7. *частица усил.* боз; **ты не ви́дел Ми́шу? — Како́го ~ Ми́шу?** ту Мишаро надидай? — Боз кадом Мишаро?; **а у вас э́то полу́чится? — Ещё как полу́чится** шумо аз ухдаи ин кор мебароед? — Чунон бароем, ки... ◇ **~ бы!** албатта!, набошад чӣ!; **ты хо́чешь пое́хать с на́ми? — Ещё бы!** ту ҳамроҳи мо рафтан мехоҳӣ? — Албатта!; **~ и ~** боз ва боз; **а ещё...** боз...; **ты пла́чешь? а ~ ма́льчик!** ту гирья мекунӣ? боз ман писарбача мегуй-а!, **вот ~!** ана халос!, ана гапи нав!; **всё ~...** ҳоло ҳам..., боз ҳам..., ҳануз ҳам; **она́ всё ~ ждёт его́** вай ҳоло ҳам мунтазири уст

е́ю *мест. личн. тв. от* **она́**

Ж

ж I *союз см.* **же** I

ж II *частица см.* **же** II

жа́ба I *ж зоол.* ғук, қурбоққаи чулӣ

жа́ба II *ж:* **грудна́я ~** *уст. мед.* зиққи нафас, нафастангӣ

жаберн||ый, -ая, -ое ...и ғалсама; ғалсамадор; **~ые живо́тные** ҳайвоноти ғалсамадор

жа́бий, -ья, -ье ...и ғук

жа́бник *м бот.* дилошуб *(растании ҷинси чинорак)*

жабо́ *с нескл.* гиребони пар-пар

жа́бры *мн. (ед.* **жа́бра** *ж)* ғалсама ◇ **брать за ~ кого́-л.** *прост.* аз гулуи касе гирифтан

жаве́лев||ый, -ая, -ое *хим.* жавелӣ, ...и жавель; **~ая вода́** оби жавель

жаве́ль *м хим.* жавель *(тезоби шустагарӣ)*

жа́воронок *м* ҷур, чаковак

жаде́йт *м мин.* жадеит *(санги сабзтоби қиматбаҳо)*

жа́дина *м, ж прост.* хасис, нодида, зихна

жа́дничать *несов. разг.* хасисӣ (зихнагӣ) кардан

жа́дно *нареч.* 1. ҳарисона, бо ҳирси тамом; **~ есть** ҳарисона хурок хурдан 2. *перен. (быстро)* зуд, бо тезӣ, бо суръат; **земля́ и расте́ния ~ впи́тывали вла́гу** замин ва растаниҳо намиро зуд меҷабиданд 3. *перен.* бо иштиёқ, бо шавқи тамом; **~ слу́шать** бо шавқи тамом гӯш кардан (андохтан)

жа́дность *ж* 1. ҳирс, ҳарисӣ, чашмгуруснагӣ; **есть с ~ю** ҳарисона хурок хӯрдан 2. хасисӣ, бахилӣ, мумсикӣ, зихнагӣ; **~ к деньга́м** ҳирси пул 3. *перен.* рағбат, иштиёқ, шавқу ҳавас; **с ~ю слу́шать му́зыку** бо шавқи тамом мусиқӣ шунидан

жа́дн||ый, -ая, -ое (жа́д|ен, -на́, -но) 1. хасис(она), ҳарис(она), бахил(она), мумсик(она), зихна; **~ый челове́к** одами хасис 2. *перен.* боэҳтирос, иштиёқманд(она); ҳарис(она), чашмгурусна; **~ый взор** нигоҳи ҳарисона; **слу́шать с ~ым внима́нием** бо шавқи тамом гуш кардан

жадю́га *м, ж см.* **жа́дина**

жа́жд||а *ж* 1. ташнагӣ; **утоли́ть ~у** ташнагиро шикастан 2. *перен.* ҳоҳиши зиёд, орзу, шавқ; **~а зна́ний** шавқи дониш

жа́жд||ать *несов.* 1. *уст.* ташна будан, ташнагӣ кашидан, ташна мондан 2. *чего и с неопр. перен. высок.* ташна (хоҳон) будан, ҳирс доштан, талабгор будан; **челове́чество ~ет ми́ра** инсоният ташнаи сулҳ аст

жа́ждущ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* 1. ташна, ташналаб 2. *перен. высок.* шавқманд, талабгор, хоҳон, хоҳишманд, орзуманд ◇ **а́лчущие и ~ие** ташнагону гушнагон

жаке́т *м* жакет, камзулча

жаке́тка *ж разг. см.* **жаке́т**

жако́ *м нескл. зоол.* жако *(тутии хокистарранги африқоӣ)*

жакт *м уст.* (жили́щно-аре́ндное кооперати́вное това́рищество) жакт (ширкати кооперативии иҷораи хона); **конто́ра ~а** идораи жакт

жале́йка *ж муз.* жалейка, сурнайча

жале́ть *несов.* 1. *кого-что* раҳм (тараҳҳум, шафқат) кардан 2. *о ком-чём и с союзом «что»* таассуф кардан, афсус хурдан 3. *кого-что, чего* дареғ доштан; **не ~ жи́зни** ҷонро дареғ надоштан 4. *кого прост.* дилсузи касе будан, ғами касеро хурдан; нағз дидан

жали́||ть *несов. кого-что* неш (заҳр) задан, газидан; **оса́ бо́льно ~т** занбур сахт мегазад

жа́литься I *несов. прост. см.* **жа́лить**

жали́ться II *несов. прост. и обл. (жаловаться)* шикоят (гила) кардан

жа́лк||ий, -ая, -ое (жа́л|ок, -ка́, -ко) 1. раҳмовар, ҳузнангез, ҳақирона, оҷизона, андуҳовар; **~ая улы́бка** табассуми оҷизона; **~ий вид** намуди ҳузнангез; **быть в ~ом состоя́нии** дар ҳоли табоҳ будан 2. назарногир, безеб; **костю́м его́ был жа́лок** сарулибосаш ҳақирона буд 3. ночиз, наарзанда, беаҳамият; **~ие результа́ты** натиҷаҳои ночиз 4. паст, ҳақир(она); **~ая роль** роли ҳақирона 5. *уст.* раҳмовар, ҳузновар; риққатовар; **~ий крик младе́нца** гирьяи риққатовари кудак; **~ие слова́** гапҳои оҷизона ◇ **влачи́ть ~ое существова́ние** дар банди қашшоқӣ будан; дар ҳақирӣ умр ба сар бурдан

жа́лко 1. *нареч.* оҷизона; **он ~ улыба́лся** вай оҷизона табассум мекард 2. *см.* **жаль**

жа́ло *с* 1. неш; **зми́ное ~** неши мор 2. дам, теғ, пих, нуг; **~ серпа́** дами дос 3. *перен.* неш, теғ; **~ сати́ры** теғи ҳаҷв; **~ насме́шки** неши истеҳзо

жа́лоб||а *ж* 1. шикоят, шиква, гила, арз, арзу дод; **пристава́ть с ~ами** бо шикоятҳо безор кардан 2. шикоятнома; **пода́ть ~у** шикоятнома навиштан; **рассмотре́ть ~у** шикоятномаро дида баромадан; **кассацио́нная ~а** *юр.* аризаи шикоятӣ; **кни́га жа́лоб и предложе́ний** дафтари шикояту таклиф

жа́лобно *нареч.* раҳмовар(она), ҳузновар(она), ғамгин(она), ғамангез(она), андуҳгин(она), маҳзун(она)

жа́лобн||ый, -ая, -ое (жа́лоб|ен, -на, -но) 1. раҳмовар, ғамангез, хузновар, ҳазин; **~ый стон** нолаи ҳазин 2. ғамгин, ғамовар, аламнок, ғамангез; **~ая пе́сня** суруди ғамангез ◇ **~ая кни́га** дафтари шикоят

жа́лобщик *м* шикоятгар, шикоятнавис

жа́лованн||ый, -ая, -ое *ист.* инъомӣ, инъомшуда, бахшидашуда, ато (эҳсон) кардашуда; **~ая земля́** иқтаъ ◇ **~ая гра́мота** *ист.* ярлиқ

жа́лованье *с* 1. моҳона, маош, музд; **получа́ть ~** моҳона гирифтан 2. *уст. (дар, награда)* инъом, мукофот, тухфа

жал||овать *несов.* 1. *кого-что чем, кому-чему что уст.* инъом додан, бахшидан, бахшиш (ато, эҳсон) кардан, мукофотонидан 2. *кого-что разг.* қадршиносӣ (қадрдонӣ) кардан, ҳурмат кардан; **его́ там не о́чень ~уют** уро дар он ҷо он қадар ҳурмат намекунанд 3. *уст.* ташриф фармудан (овардан); **давне́нько вы к нам не ~овали** кайҳо боз ба хонаи мо ташриф наовардаед

жа́ловаться *несов.* 1. шикоят (гила, арз, арзу дод) кардан, нолидан; **на что вы жа́луетесь?** аз чӣ шикоят доред?; **~ на плоху́ю пого́ду** аз обу ҳавои бад нолидан 2. шикоятнома навиштан; **~ в суд** ба суд арз кардан 3. *разг.* хабаркашӣ кардан

жалови́дн||ый, -ая, -ое нешмонанд, нугборик, нугтез; **~ое остриё** нуги тез, дами тез

жалоно́сн||ый, -ая, -ое нешдор; **~ые насеко́мые** ҳашароти нешдор

жалостливость *ж разг.* раҳмдилӣ, нармдилӣ, дилсузӣ

жалостлив||ый, -ая, -ое *разг.* 1. раҳмдил, нармдил, дилсуз, ғамхор; **~ый человек** одами раҳмдил 2. хузнангез, ғамангез, ҳазин, аламнок; **~ая песня** суруди ҳазин

жалостный, -ая, -ое (жалост|ен, -на, -но) *разг.* 1. раҳмовар, ғамангез, ҳазин; **~ человек** одами дилсуз 2. раҳмдил, нармдил, дилсуз; **~ взгляд** нигоҳи ҳазин

жалост||ь *ж* дилсузӣ, ғамхурӣ, таассуф; **сделать что-л. из ~и** аз руи дилсузӣ коре кардан; **вызывать ~ь** раҳм овардан ◇ **какая ~ь!** ҳай афсус!, ҳай дареғ!

жаль 1. *в знач. сказ. безл. кого-что, чего и с неопр.* раҳм, ҳайф аст, дареғо, афсус; **мне ~ этого человека** ба ин кас раҳмам меояд; **~ покидать этот город** ин шаҳрро партофта рафтан ҳайф аст 2. *в знач. сказ. безл. с союзами «если», «что» и с неопр.* афсус ки..., ҳайф ки..., дареғо; **~, что вы уезжаете** афсус, ки шумо меравед 3. *в знач. вводн. сл.* афсус ки..., дареғо; **зайти бы к ним, да ~, нет времени** ба хонаи онҳо даромадан лозим буд, аммо афсус, ки вақт нест

жалюзи *с нескл.* чиғпарда

жамка *ж обл. (пряник)* кулчаи қандин

жандарм *м* жандарм *(аъзои жандармерия)*

жандармерия *ж* жандармерия *(қушуни махсуси полиция дар мамлакатҳои буржуазӣ)*

жандармск||ий, -ая, -ое жандармӣ, ...и жандарм, ...и жандармерия; **~ий корпус** корпуси жандармӣ (жандармерия); **~ие части** қисмҳои жандармӣ (жандармерия)

жанр *м* 1. жанр; **комедийный ~** жанри мазҳака; **лирический ~** жанри лирика 2. жанр *(сурат ва лавҳаҳое, ки сюжети онҳо аз зисту зиндагонӣ гирифта шудааст)* 3. услуб, шева; **это не её ~** ин услуб ба вай хос не

жанрист *м* жанрист *(рассоме, ки зисту зиндагониро тасвир мекунад)*

жанров||ый, -ая, -ое жанрӣ, ...и жанр, тасвирӣ, ...и тасвир; **~ые сцены** манзараҳои жанрӣ

жантильничать *несов. уст. разг.* ноз (ғамза, ишва, карашма) кардан

жантильный, -ая, -ое *уст. разг. (жеманный)* танноз, ишвагар; эрка

жар *м* 1. гармӣ, гармо, ҳавои сузон, тафс, таф(т); **от печей несло ~ом** аз печкаҳо тафт мебаромад; **мы выехали в самый ~** дар айни гармо баромада рафтем 2. *разг.* лахча; **выгрести ~ из печи** лахчаро аз оташдон кашидан 3. ҳарорат, таб; **у ребёнка ~** бача таб дорад 4. ҳаяҷон, изтироб; **от этих слов его бросило в ~** аз ин суханҳо [illegible] ба изтироб омад 5. *перен.* ҷушу [illegible]ш, ҷидду ҷаҳд, ғайрат, шавқу [illegible] ҳавас; **юношеский ~** ғайрати ҷавонӣ; **с ~ом** бо ҷидду ҷаҳд, бо ҳарорат; **говорить с ~ом** бо ҳарорат гап [illegible]; **работать с ~ом** бо ҷушу хуруш кор кардан 6. *перен.* авҷ, шиддат; **в ~у спора** дар айни ҷушу хуруши баҳс ◇ **дать (задать) ~у** 1) танбеҳ (гушмол) додан 2) ба таги кор монондан; **поддать ~у** *кому прост.* ангезондан; ба ҷуш овардан; **с пылу, с ~у** нав пухташуда, нав бирьёншуда; **пирожки с пылу, с ~у** санбусаи гармакак; **чужими руками ~ загребать** *погов.* ≈ бо дасти ғайр оҳак тафта кардан

жара *ж* гармӣ, гармо, ҳавои сузон, тафс, таф(т); **в комнате невыносимая ~** гармии хона тоқатфарсо аст

жаргон *м* жаргон, забони махсус, забони заргарӣ; **профессиональный ~** забони махсуси косибон

жаргонн||ый, -ая, -ое жаргонӣ; **~ое выражение** ибораи жаргонӣ

жаренный *прич.* (жарен, -а, -о) бирьён кардашуда

жарен||ый, -ая, -ое 1. бирьён; **~ое мясо** гуштбирьён 2. *в знач. сущ. уст.* **жареное** *с см.* **жаркое**

жаренье *с* (*по знач. гл.* **жарить** 1) разг. бирьён кардан(и)

жари||ть *несов.* 1. *что* бирьён (кабоб) кардан; **~ть мясо** гуштро бирьён кардан 2. таф додан, зирбондан, сурх кардан; **~ть кофе** қаҳваро таф додан 3. *кого-что и без доп. разг.* сузондан, тафсондан; **солнце ~т нещадно** офтоб сахт месузонад

жариться *несов.* 1. бирьён (кабоб) шудан 2. *разг.* гарм шудан, худро офтоб додан; **~ на пляже** дар пляж худро офтоб додан 3. *страд.* бирьён (кабоб) карда шудан

жарища *ж разг.* гармо, тафс; **ну и ~ сегодня!** имруз ҳаво бисьёр тафсид!; **адова ~** тафси дузах

жарк||ий, -ая, -ое (жар|ок, -ка, -ко) 1. бисьёр гарм, тафсон, сузон; **~ое летнее солнце** офтоби сузони тобистон; **~ие дни** рузҳои гармо; **~ая баня** ҳаммоми гарм 2. *тк. полн. ф.* ҳорра, ҷанубӣ, гарм; **~ие страны** мамлакатҳои ҳорра (гарм) 3. *перен.* гарм, гарму ҷӯшон, пурҳарорат; **~ий поцелуй** бусаи гарм; **~ий спор** баҳсу мунозираи боҳарорат 4. *перен.* сахт, шадид; **~ие бои** ҷангҳои шадид

жарко 1. *нареч.* гарм, сузон 2. *нареч. перен.* гарм, гарму ҷушон, бо ҳарорат; **они ~ о чём-то спорили** онҳо дар бораи чизе бо ҳарорат баҳсу мунозира мекарданд 3. *в знач. сказ. безл.* ҳаво гарм аст, тафсон [аст]; **в тесной комнатке было ~** дар хоначаи танг ҳаво гарм буд 4. *в знач. сказ. безл. кому* ҳаво гарм аст; **здесь мне ~** ҳавои инҷо бароям гарм аст ◇ **ни ~, ни холодно** *кому* на гарму на сард, фарқ надорад; **[аж] небу ~ будет (станет)** чангашро ба осмон мебарорад

жаркое *с* кабоб, гуштбирьён; **~ из куропаток** кабкбирьён, кабоби гушти кабк

жаро: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «гармӣ», «тафс», «ҳарорат», «таб»:* **жаропрочный** гармиматин; **жаропонижающий** табшикан

жаровня *ж* манқал

жаров||ой, -ая, -ое ...и гармӣ, ...и ҳарорат; гармкунанда; **~ая труба** *тех.* нои оташдон *(дар дегҳои буғӣ)*

жаровыносливость *ж бот.* гармибардорӣ

жаровынослив||ый, -ая, -ое *бот.* гармибардор; **~ые растения** растаниҳои гармибардор

жарок *м разг. уменьш.-ласк. к* **жар** 3 таби андак, таби на чандон баланд; **у ребёнка небольшой ~** бача андак таб дорад

жаропонижающ||ий, -ая, -ее табшикан; **~ие средства** давоҳои табшикан // *в знач. сущ.* **жаропонижающее** *с мед.* доруи табшикан; **принять ~ее** доруи табшикан хурдан

жаропрочность *ж* гармиустуворӣ, гармиматин (оташбардор) будан(и)

жаропрочный, -ая, -ое гармиматин, гармиустувор, оташбардор; **~ сплав** хулаи гармиустувор

жаростойкий, -ая, -ое гармитобовар; **~ бетон** бетони гармитобовар

жаротрубный, -ая, -ое: **~ котёл** *тех.* деги буғӣ

жароупорный, -ая, -ое гармибардор, оташбардор; **~ сплав** хулаи оташбардор

жароустойчивый, -ая, -ое *см.* **жаростойкий**

жар-птица *ж нар.-поэт.* мурғи фурузон *(дар афсонаҳо)*

жарче *сравн. ст. к* **жаркий** *и к* **жарко** гармтар, тафсонтар, сузонтар

жасмин *м бот.* [гули] ёсуман

жасминный, -ая, -ое ёсуманӣ, ...и ёсуман; **~ запах** буи ёсуман

жасминовый, -ая, -ое *см.* **жасминный**

жатва *ж* 1. дарав; **в поле шла ~** дар саҳро дарав мекарданд 2. вақти (мавсими) дарав; **наступила ~** вақти дарав расид 3. *уст. (спелые хлеба)* ғаллаи расида 4. ҳосил, ҳосили ғалла; **обильная ~** ҳосили фаровони ғалла

жатвенн||ый, -ая, -ое ...и дарав; **~ая пора** вақти дарав; **~ые машины** мошинҳои дарав

жатка *ж с.-х.* мошини дарав

жать I *несов.* 1. *кого-что* фушурдан, зер (пахш) кардан, ғиҷим кардан; **~ руку** дастро фушурдан 2. *что* афшурдан, сиққондан, миҷиқ кардан; **~ сок из лимона** лимуро афшурдан 3. *что и без доп.* тангӣ кардан, танг будан (шудан); **сапоги жмут** муза тангӣ мекунад 4. *прост.* тезондан, ҷаҳду ҷадал кардан

жать II *несов. что с.-х.* даравидан, дарав кардан

жаться *несов.* 1. ҷафс шудан, часпидан; **собака жалась к моим ногам** саг худашро ба пойҳоям мемолид (ҷафс мешуд) 2. ғунча (бурма) шудан; **~ от холода** аз хунукӣ ғунча шудан 3. *разг. (тесниться)* тиққа шудан 4. *перен. прост. (колебаться)* дудила шудан, изо кашидан, шарм доштан; **он жался, не зная, что сказать** вай

изо кашида, чӣ гуфтанашро намедонист 5. *перен. разг. (скупиться)* хасисӣ (зихнагӣ) кардан

жбан *м* дулча

жва́чк||а *ж* 1. *(у животных)* хоидан(и), ҷовиш, кавша кардан(и) 2. *(пережёвываемая пища)* кавша, нишхӯр 3. *разг.* сақич ◇ **жева́ть (пережёвывать) ~у** гапро хоидан (кашол додан)

жва́чный, -ая, -ое 1. кавшакунанда 2. *в знач. сущ.* **жва́чные** *мн. зоол.* кавшакунандагон

жгут *м* 1. бандина; **соло́менный ~** бандинаи пахолин 2. *мед.* тофтабанд *(найчаи резинӣ ё бинт, ки барои муваққат нигоҳ доштани хунравӣ ба кор бурда мешавад)*; **наложи́ть ~** тофтабандӣ кардан

жгу́тик *м* 1. *уменьш. к* **жгут**; 2. *зоол.* қамчинак *(пои ҷонварони якҳуҷайра, ки шакли риштаи борикро доранд)*

жгу́тиковые *мн. зоол.* қамчинакдорон *(оилаи ҷонварони якҳуҷайра)*

жгу́товый, -ая, -ое бандинашакл

жгу́честь *ж* 1. тафс, тафсон будан(и) 2. *перен. (мучительность)* азият; **~ воспомина́ний** азияти хотираҳо

жгу́ч||ий, -ая, -ее (жгуч, -а, -е) 1. сузон, тафсон, сузонанда, тафсонанда; **~ий во́здух пусты́ни** ҳавои тафсони биёбон; **~ие лучи́ со́лнца** шуоъҳои сузони офтоб; **~ий ве́тер** гармсел; **~ий моро́з** сармои қаҳратун; **~ая крапи́ва** газна 2. *перен.* пуразият, пурозор, пуразоб, сахт, таъсирнок; **~ий стыд** шарму ҳаёи пуразият; **~ее раская́ние** пушаймонии сахт; **~ая боль** дарди сӯзишнок; **~ие слёзы** ашки сӯзон ◇ **~ий брюне́т** марди сиёҳчашму сиёҳмуй; **~ий взгляд** нигоҳи тез; **~ий вопро́с** масъалаи муҳим

ждать *несов.* 1. *кого-что, чего* мунтазир (маътал, нигарон) шудан, интизорӣ кашидан; **~ по́езда** поездро нигарон шудан; **~ пи́сем** интизори мактуб будан; **~ слу́чая** фурсат поидан 2. *чего, с неопр. и с союзом «что» (предполагать, надеяться)* умедвор (чашмдор) будан, умед кардан ◇ **~ не дожда́ться** чашм ба роҳ будан; **~ у мо́ря пого́ды** ба умеди рӯзи «ҳафтшанбе» шудан; **вре́мя не ждёт** фурсат ғанимат; **заста́вить себя́ ~** маътал кардан; **не заста́вить себя́ ~** маътал накардан; ие **~, не гада́ть** гумон надоштан; **того́ и жди** ҳа нагуфта, ана-мана нагуфта; қариб аст, ки...

же I *союз* 1. *против.* аммо, лекин, ку, -у; **я остаю́сь, това́рищ же уезжа́ет** ман мемонаму рафиқам меравад 2. *присоед.* ва, дар айни ҳол, бошад; **с тех пор как я его́ зна́ю, зна́ю же я его́ с де́тства...** аз бозе ки ман ӯро медонам, ман бошам, уро аз бачагӣ мешиносам... ◇ **всё же, всё ж** ҳар чи бошад ҳам, бо вуҷуди ин; **всё же я не пойду́** бо вуҷуди ин ман намеравам

же II *частица* 1. *усил.* -а, -я, -е, -дия, охир, худи...; **говори́ же!** гап зан, охир!; **пойдём же!** рафтем-е!; **на пе́рвом же шагу́** аз худи қадами аввал; **куда́ ж ты?** охир, ту ба куҷо? 2. *(для указания тождества)* худи ҳамон, худи ҳамин, айнан ҳамин; **тот же** худи ҳамон; **тако́й же** худи ҳамин, айнан ҳамин хел; **там же** дар худи ҳамон ҷо; **туда́ же** ба худи ҳамон ҷо; **тогда́ же** дар худи ҳамон вақт

жева́ние *с* (*по знач. гл.* **жева́ть**) хоидан(и), ҷовиш, кавша кардан(и)

жёваный *прич.* (жёван, -а, -о) хоидашуда, кавша кардашуда

жёваный, -ая, -ое 1. хоида, хоидагӣ, хоидашуда; **~ хлеб** нони хоида 2. *перен. разг.* ғиҷимшуда, миғҷа, миҷиқшуда; **~ пиджа́к** пиджаки ғиҷимшуда

жева́тельн||ый, -ая, -ое ...и хоиш, ...и хоидан(и), хоянда; **~ые мы́шцы** мушакҳои ҷовиш; **~ый таба́к** нос; **~ая рези́нка** сақич, илқ

жева́ть *несов. что* 1. хоидан, ҷовидан; кавша кардан; **~ хлеб** нон хоидан; **~ удила́** *(о лошади)* сулуқ хоидан 2. *перен. разг.* гапро хоидан ◇ **~ губа́ми** лаб ҷунбондан, комак задан

жезл *м* шашпар, гурз, амуд, жезл *(1. уст. чубдасти салтанат 2. ж.-д. ҳалқаи иҷозати ҳаракат 3. чубдасти махсуси идора кардани ҳаракати кӯча)*

жезлов||о́й, -а́я, -о́е *ж.-д.* ...и жезл, жезлӣ; **~а́я систе́ма регули́рования движе́ния поездо́в** тариқи жезлии танзими ҳаракати поездҳо

жела́ни||е *с* 1. хоҳиш, майл, рағбат, орзу; **име́ть ~е** хоҳиш (майл) доштан; **сде́рживать свой ~я** майлу хоҳиши худро фурӯ нишондан; **горе́ть ~ем** иштиёқманд будан, хоҳиши зур доштан; **при всём моём ~и...** ҳар чанд хоҳам ҳам...; **про́тив ~я** бар хилофи хоҳиши худ; **по ~ю** аз рӯи хоҳиш; **его́ ~е бы́ло испо́лнено** хоҳиши у ба ҷо оварда шуд 2. *уст. поэт.* ҳирс, оз, шаҳват

жела́нный, -ая, -ое 1. матлуб, марғуб, дилхоҳ; **~ отве́т** ҷавоби дилхоҳ 2. азиз, маҳбуб; **~ гость** меҳмони азиз

жела́тельно *в знач. сказ. безл.* матлуб аст; хуб (нағз) аст; хуб мешуд, ки...; **~ попо́лнить библиоте́ку но́выми кни́гами** ба китобхона боз китобҳои нав овардан матлуб аст; **~ рабо́ту зако́нчить сего́дня** хуб мешуд, ки кор ҳамин рӯз тамом шавад

жела́тельный, -ая, -ое матлуб, дилхоҳ, марғуб; **полу́чен ~ отве́т** ҷавоби матлуб омад; **~ результа́т** натиҷаи дилхоҳ

желати́н *м кул.*, **желати́на** *ж тех.* желатин *(моддае, ки аз устухон ва пӯсти ҳайвон тайёр карда мешавад)*

желати́нов||ый, -ая, -ое *кул.*, *тех.* ...и желатин, желатинӣ; **~ое произво́дство** истеҳсоли желатин

жела́||ть *несов.* 1. *чего, с неопр. и с союзом «чтобы»* хостан, хоҳон будан, орзу кардан, майл (рағбат, шавқ, иштиёқ) доштан, талабидан; **~ть до́брого пути́** роҳи сафед талабидан; **~ю вам успе́ха** ба шумо муваффақият металабам; **~л бы я знать** донистан мехостам 2. *кого уст.* дилкашол будан, нағз дидан ◇ **оставля́ет ~ть мно́гого (лу́чшего)** чандон нағз не, хуб нест

жела́ющ||ий, *прич. в знач. сущ. м* иштиёқманд, орзуманд, хоҳишманд; **~их послу́шать докла́д оказа́лось мно́го** иштиёқмандони шунидани маъруза бисёр будаанд

желва́к *м* 1. *(затвердение на теле)* ғуррӣ, без 2. *(мускул на скуле)* мушаки рӯй

желе́ *с нескл.* 1. полуда, желе; **лимо́нное ~** полудаи лиму 2. яхнӣ; **~ из ры́бы** яхнии моҳӣ

железа́ *ж анат.* ғадуд; **поджелу́дочная ~** ғадуди зери меъда; **са́льные же́лезы** ғадудҳои равғанбарор; **слю́нные же́лезы** ғадудҳои оби даҳон; **щитови́дная ~** ғадуди сипаршакл; **же́лезы вну́тренней секре́ции** ғадудҳои тарашшӯҳи дохилӣ

желе́зистый, -ая, -ое I *(содержащий железо)* оҳандор; **~ исто́чник** чашмаи оҳандор

желе́зист||ый, -ая, -ое II *анат.* ғадуддор, беэдор, ...и ғадуд, ...и без; **~ая ткань** бофтаи ғадуддор

желе́зка I *ж разг.* оҳанпораи хурд

желе́зка II *ж уст. прост.* роҳи оҳан

желё́зка *ж* 1. *уменьш. к* **железа́**; 2. *бот.* ғадудча *(ҳуҷайраи растаниҳо, ки аз худ моддаҳои зифтӣ ё равғанӣ ҷудо мекунад)*

желе́зко *с (в рубанке)* теғи ранда

железнодоро́жник *м* роҳиоҳанчӣ, хизматчии роҳи оҳан; **День ~а** Рӯзи роҳиоҳанчиён

железнодоро́жный, -ая, -ое роҳиоҳанӣ, ...и роҳи оҳан; **~ мост** пули (кӯпруки) роҳи оҳан

желе́зн||ый, -ая, -ое 1. оҳанин, ...и оҳан, оҳандор; **~ая руда́** маъдани оҳан; **~ая лопа́та** бели оҳанин; **~ая кры́ша** боми тунука 2. *перен.* қавӣ, мустаҳкам, боқувват, зур; **~ые не́рвы** асабҳои мустаҳкам; **~ые мы́шцы** бозуҳои қавӣ; **~ый органи́зм** организми бақувват 3. *перен.* сахт, мустаҳкам, зур, устувор; **~ый зако́н** қонуни сахт; **~ая во́ля** иродаи оҳанин; **~ая ло́гика** мантиқи зур ◇ **~ый блеск** *мин.* оҳантоб; **~ый век** *археол.* асри оҳан; **~ое де́рево** оҳандарахт *(навъи дарахти ҳорра, ки чубаш сахту вазнин аст)*; **~ая доро́га** роҳи оҳан; **за ~ой решёткой** дар зиндон, дар ҳабсхона

железня́к *м мин.* маъдани оҳан; **магни́тный ~** маъдани оҳани магнитдор; **кра́сный ~** маъдани оҳани сурхтоб

желе́зо *с* 1. оҳан 2. оҳан, тунука; **листово́е ~** тунука; **кро́вельное ~** тунукаи бом; **брусково́е ~** ғӯлаоҳан; **прока́тное ~** оҳани прокат 3. *мед.* моддаи оҳанӣ ◇ **калёным ~м вы́жечь** *что* решакан кардан; **куй ~, пока горячо́** *посл.* ≈ танӯр дар гармиаш

железобето́н *м* оҳану бетон *(материали бинокорӣ)*

железобето́нн||ый, -ая, -ое ...и оҳану бетон, оҳанубетонӣ; **~ые констру́кции** конструкцияҳои оҳанубетонӣ

железоплавильн||ый, -ая, -ое оҳангудоз, ...и оҳангудозӣ; **~ая печь** кураи оҳангудозӣ

железопрокатный, -ая, -ое ...и прокати оҳан; **~ стан** дастгоҳи прокати оҳан

железорезный, -ая, -ое оҳанбур, тунукабур, ...и оҳанбурӣ; **~ые ножницы** қайчии оҳанбурӣ

железорудн||ый, -ая, -ое ...и кони оҳан, ...и маъдан; **~ый район** минтақаи кони оҳан; **~ая промышленность** саноати маъдани оҳан

железосплав *м* хулаи оҳан

железоуглеродист||ый, -ая, -ое ...и оҳани карбонолуд; **~ые сплавы** хулаҳои оҳани карбонолуд

железный, -ая, -ое ...и полуда, полудагӣ, ...и желе; **~ мармелад** мармелади желе

желна *ж зоол.* залғам *(эзорсурхаки сиёҳи калон)*

жёлоб *м* нов(а), новадон; **водосточный ~** тарнов

желобок *м уменьш. к* **жёлоб** новача

желобчат||ый, -ая, -ое новамонанд, новашакл; **~ая черепица** сафоли новашакл

желонка *ж тех.* желонка *(асбоби устувонамонанди нафткашӣ)*

желоночн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и желонка; **~ая добыча нефти** нафткашӣ бо желонка

желтение *с* (*по знач. гл.* **желтеть**) зардшавӣ, зардчашавӣ; **~ листьев** зардшавии баргҳо

желте||ть *несов.* 1. *(становиться желтым)* зард (зардча) шудан; заҳир шудан; **листья на деревьях ~ют** барги дарахтон зард шуда истодааст 2. *(виднеться — о жёлтом)* зард (зардча) тобидан; **за посёлком ~ли пески** дар паси деҳа рег зардча метобид

желте||ться *несов. см.* **желтеть** 2; **вдали ~лись поля** аз дур киштзорҳо зардча метофтанд

желтизн||а *ж* зардӣ, зардтобӣ, зардча; **с ~ой** зардча; **его лицо покрывала болезненная ~а** руи у заҳир буд

желтинк||а *ж разг.* холи зардчатоб (зардчанамо, зардча); **у него были серые с ~ой глаза** чашмони вай хокистарранги зардчатоб буданд

желтить *несов. что* зард кардан, ранги зард молидан, ранги зард додан

желтиться *несов.* зард шудан, ранги зард гирифтан

желтков||ый, -ая, -ое ...и зардии тухм; **~ая оболочка** пардаи зардии тухм

желто: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «зард»:* **желтозём** хоки зард, зардхок

желтобрюх *м* мори зард *(мори безаҳри калон)*

желтоват||ый, -ая, -ое (желтоват, -а, -о) зардча, зардчатоб, зардчанамо, зардчаранг; **~ая мгла** пардаи зардчатоби ғубор

желтозём *м* хоки зард, зардхок

желток *м* зардии тухм

желтокожий, -ая, -ее зардпӯст

желтокрыл||ый, -ая, -ое зардқанот, қанотзард, зардбол; **~ые бабочки** шапалакҳои қанотзард

желтолицый, -ая, -ее зардруй; заҳир, заҳирранг

желтопёрый, -ая, -ое зардпар, ...и параш зард

желтопузик *м* боҳтур *(калтакалоси калони бепои моршакл)*

желторотый, -ая, -ое 1. *(о птенцах)* зарднул 2. *перен. разг.* хом, бетаҷриба, соддалавҳ; **~ юнец** ҷавони соддалавҳ

желтофиоль *ж бот.* зардгун, желтофиоль *(растании хонагӣ, ки гули сурхи зардчатоб дорад)*

желточн||ый, -ая, -ое ...и зардии тухм; **~ая оболочка** пардаи зардии тухм

желтуха *ж мед.* зардча, заъфарма, зардпарвин *(касалӣ)*

желтушн||ый, -ая, -ое ...и зардча, ...и заъфарма; **~ое лицо** руи зардча

жёлт||ый, -ая, -ое (жёлт, желта, жёлто *и* желто) 1. зард; заҳир; **~ая краска** ранги зард 2. *перен.* виҷдонфуруш, хоин; **~ая буржуазная пресса** матбуоти виҷдонфурӯши буржуазӣ ◇ **~ый билет** *уст.* билети зард *(паспорти муқоваош зард, ки пеш аз революция ба фоҳишаҳо дода мешуд)*; **~ая вода** *мед.* зардобаи чашм, глаукома; **~ый дом** *уст.* девонахона, ҷинниxона; **~ая лихорадка** *мед.* вараҷаи тропикӣ *(касалии сахти гузаранда дар ҷойҳои тропикӣ)*; **~ое пятно** *мед.* лаккаи зард *(дар шабакаи чашм)*

желудёв||ый, -ая, -ое ...и ҷалғузаи балут; **~ая скорлупа** пучоқи ҷалғузаи балут; **~ый кофе** қаҳваи ҷалғузаи балут

желуд||ок *м* меъда; **на голодный ~ок** бо шиками гурусна, бо дили наҳор; **несварение ~ка** вайронии ҳозима, заъфи меъда; **расстройство ~ка** исҳол, дарунравӣ; **засорить ~ок** меъдаро вайрон кардан; **~ок хорошо работает (варит)** меъда нағз кор мекунад

желудочек *м* 1. *уменьш. к* **желудок** меъдача 2. *анат.* меъдача *(як қисми дил, ки дар силсилаи рагҳои хунгард ҳаракати хунро ба тартиб медарорад)*

желудочно-кишечный, -ая, -ое ...и меъдаву руда; **~ тракт** роҳи меъдаву руда, узвҳои ҳозима

желудочн||ый, -ая, -ое ...и меъда; **~ый сок** шираи (оби) меъда; **~ые железы** ғадудҳои меъда; **~ые заболевания** касалиҳои меъда

жёлудь *м* ҷалғузаи дарахти балут

жёлчно *нареч.* нешдорона, заҳролуд

жёлчность *ж* тундмизоҷи, бадзаҳри, бадхашмӣ

жёлчный, -ая, -ое (жёлч|ен, -на, -но) 1. ...и заҳра, ...и талха; **~ пузырь** заҳрадон 2. *перен.* бадқаҳр, тундмизоҷ; **~ человек** одами тундмизоҷ

жёлчь *ж* 1. *физиол.* заҳра, зарда, талха, сафро 2. *перен.* хашм, ғазаб, қаҳр, оташинӣ, заҳр; **говорить с ~ю** бо хашму ғазаб гап задан

жеманиться *несов. разг.* ноз (нозунуз) кардан

жеманница *ж разг.* зани танноз (ишвагар)

жеманничать *несов. см.* **жеманиться**

жеманно *нареч.* бо таннозӣ, бо нозунуз

жеманность *ж см.* **жеманство**

жеманн||ый, -ая, -ое (жеман|ен, -на, -но) танноз, ишвагар, ғамзакор(она), нозунуздор, сертакаллуф; **~ые манеры** рафтори сертакаллуф

жеманство *с* таннозӣ, ишвагарӣ, нозунуз

жемчуг *м* дур(р), марворид; гавҳар; **низать ~** марворид шадда кардан; **нитка ~а** шаддаи марворид

жемчужина *ж* 1. дурдона, донаи марворид; **крупная ~** дурдонаи калон 2. *перен.* дурдона, гавҳар, ганҷ; **~ поэзии** дурдонаи назм

жемчужница *ж* 1. *зоол.* моллюски гавҳарзо; **морская ~** гавҳарзои баҳрӣ 2. *уст. вет.* беморни сил *(дар ҳайвонот ва мурғи хонагӣ)*

жемчужн||ый, -ая, -ое 1. ...и марворид, марворидӣ, ...и гавҳар, ...и гавҳарӣ; **~ая раковина** садафи марворид; **~ое ожерелье** шаддаи марворид 2. *перен.* дурмонанд, марворидмонанд; **~ые зубы** дандонҳои садаф

жена *ж* 1. зан, ҳамсар, завҷа 2. *уст. (женщина)* заиф(а), занак

женат||ый, -ая, -ое (женат) зандор, хонадор; **~ый человек** одами зандор ◇ **~ая жизнь**, **~ое положение** зандорӣ, хонадорӣ, ҳаёти хонадорӣ

жени||ть *сов., несов. кого* зандор (хонадор) кардан, зан гирифта додан ◇ **без меня меня ~ли** дар ғайбам корамро кардаанд

женитьба *ж* зангирӣ, хонадоршавӣ, издивоҷ

жениться *сов., несов.* зан гирифтан, хонадор шудан

жених *м* домод, домодшаванда

женихаться *несов. прост.* зан гирифтанӣ шудан

жениховский, -ая, -ое ...и домод, домодӣ; **~ подарок** туҳфаи домод

жениховство *с разг.* домодӣ

женолюб *м* занакабоз

женолюбивый, -ая, -ое занакабоз

женоненавистник *м* занбезор, зангурез, занкимоб

женоподобный, -ая, -ое (женоподоб|ен, -на, -но) зантабиат, занмизоҷ; **~ мужчина** марди занмизоҷ

женск||ий, -ая, -ое 1. ...и зан, занона; **~ая рука** дасти зан; **~ая обувь** пойафзоли занона; **Международный ~ий день** Рузи байналхалқии занон 2. *биол.* модина; **~ие половые органы** узвҳои занонаи таносул; **~ие цветки** гулҳои модина ◇ **~ие болезни** касалиҳои (бемориҳои) занона; **~ий вопрос** масъалаи занҳо; **~ий пол** 1) *анат., физиол.* ҷинси занона 2) *собир. прост.* занон; **~ий род** *грам.* ҷинси занона, шакли муаннас

женственность *ж* назокат, латофат, нафосат

же́нственн||ый, -ая, -ое нозук, латиф, нафис; **~ая нату́ра** табиати латиф

же́нщина *ж* зан, занак; **заму́жняя ~** зани шавҳардор; **молода́я ~** зани ҷавон, ҷавонзан; **~ лёгкого поведе́ния** занаки сабукпо; **публи́чная ~** фоҳиша

женьше́нь *м бот.* женьшень, одамгиёҳ

жердев||о́й, -а́я, -о́е ...и хода(ча), ...и қалама; **~а́я и́згородь** чиғдевор, панҷарадевор, қаторак

жерди́на *ж разг. см.* **жердь**

жерди́нка *ж уменьш. к* **жердь** ходача, қаламача

жерди́нник *м см.* **жердня́к**

жердня́к *м собир.* ниҳоли қаламачабоб

жёрдочка *ж* 1. *уменьш. к* **жердь** ходача, қаламача 2. *(насест)* ходаи катаки мурғ

жердь *ж* хода, қалама

жерёбая (жерёба) бордор, буғуз *(мас. байтал, шутур)*

жеребёнок *м (до года)* той, тойча; *(до двух лет)* дунан; *(до трёх лет)* ғунан; *(ещё не родившийся или только что родившийся)* қулун

жеребе́ц *м* айғир, аспи нар

жереби́ться *несов.* зоидан, бача кардан *(оид ба байтал, шутур)*

жерёбость *ж* бордорӣ, буғузӣ *(оид ба байтал, шутур)*

жеребцо́вый, -ая, -ое ...и айғир, ...и аспи нар

жере́бчик *м уменьш.-ласк. к* **жеребе́ц** айғирча, тойча ◇ **мыши́ный ~** *уст.* муйсафеди ишқбоз, пири ҷавондил

жеребьёвка *ж* қуръапартоӣ, қуръаандозӣ

жеребьёвщик *м* қуръапарто

жереба́тина *ж разг.* гушти асп (той)

жереба́ч||ий, -ья, -ье ...и асп, ...и той; **~ье ржа́ние** шиҳаи той

жёрех *м зоол.* зағорамоҳӣ

жерли́ца *ж* асбобу анҷоми моҳигирӣ

жерло́ *с* даҳон, даҳана, танура, сурохӣ; **~ вулка́на** тануран вулқон; **~ пу́шки** даҳони туп; **~ пе́чи** даҳанаи печка

жёрнов *м* санги осиё

жернов||о́й, -а́я, -о́е ...и санги осиё; осиёбоб; **~ ка́мень** санги осиё (осиёбоб)

жёртв||а *ж* 1. қурбонӣ, қурбон, фидо 2. *см.* **жертвоприноше́ние** 1; 3. *уст. (пожертвование)* садақа, худоӣ 4. фидокорӣ, ҷонфидоӣ; **идти́ на ~ы** ҷонфидоӣ кардан; **не остана́вливаться ни пе́ред каки́ми ~ами** ба ҳама гуна қурбонӣ тайёр будан 5. талаф, қурбон; **~ы агре́ссии** қурбониҳои таҷовуз; **он стал ~ой со́бственной неосторо́жности** вай аз беэҳтиётии худ талаф шуд ◇ **пасть ~ой** қурбон шудан; **принести́ ~у** *кому-чему*, **принести́ в ~у** *кого-что кому-чему* фидо (қурбон, нисор кардан)

жёртвенник *м* ҷои қурбонӣ

жёртвенность *ж* фидокорӣ, ҷоннисорӣ

жёртвенн||ый, -ая, -ое 1. қурбонӣ, ...и қурбон; **~ое живо́тное** моли қурбонӣ 2. фидокорона; **~ый по́двиг** корномаи фидокорона

жёртвователь *м уст.* атобахш, назрдеҳ, садақадеҳ

жёртвовать *несов.* 1. *кого-что и без доп.* садақа додан, бахшидан 2. *кем-чем* қурбон (қурбонӣ, нисор, ҷонбозӣ, фидо) кардан; **~ жи́знью** ҷон фидо кардан, ҷон бохтан

жёртвоваться *несов. страд.* садақа дода шудан, бахшида шудан

жертвоприноше́ние *с* 1. [маросими] қурбонӣ, қурбонӣ кардан(и); **соверши́ть ~** қурбонӣ кардан 2. *см.* **жёртва** 1

жест *м* 1. имову ишора(т), ҳаракат; **привы́чный ~** ҳаракати одатӣ; **реши́тельный ~** имову ишораи қатъӣ; **ора́тор сопровожда́л свою́ речь вырази́тельными ~ами** нотиқ ҳангоми нутқ имову ишоратҳои маънидор мекард; **язы́к ~ов** забони имову ишора 2. *перен.* худнамоӣ, тазоҳур; **э́то всего́ лишь ~** ин фақат тазоҳур аст; **краси́вый ~** худнамоӣ ◇ **одни́м ~ом** бо имои бурут

жестикули́рование *с* (*по знач. гл.* **жестикули́ровать**) имову ишора(т) кардан(и)

жестикули́ровать *несов.* имову ишора(т) кардан; **оживлённо ~** бо ҳарорат имову ишорат кардан

жестикуля́ция *ж* имову ишора(т)

жёстк||ий, -ая, -ое (жёст|ок, -ка́, -ко) 1. сахт, дурушт, дағал; **~ий стул** курсии сахт; **~ие во́лосы** муи дурушт 2. *перен.* дурушт, дағал, сангдил; **~ие черты́ лица́** қиёфаи дурушт; **~ий хара́ктер** феъли тез 3. *перен.* қатъӣ, устувор, сахт; **~ие сро́ки** муҳлатҳои қатъӣ ◇ **~ий ваго́н** вагони сахт; **~ая вода́** оби дурушт (сернамак)

жёстко: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сахт», «дурушт»:* **жёстковоло́сый** дурушт муй

жёстко *нареч.* сахт, дурушт, дағалона, сангдилона ◇ **мя́гко сте́лет, да ~ спать** *погов.* ≈ аз руй шона мезанад, аз таг — фона

жесткокры́лые *мн. зоол.* сахтболҳо; гамбускҳо

жёсткость *ж* 1. сахтӣ, дуруштӣ, дағалӣ; **~ воло́с** дуруштии муй 2. *перен.* дуруштӣ, сангдилӣ; **~ хара́ктера** тезфеълӣ, сангдилӣ 3. *перен.* қатъият, қатъӣ будан(и); **~ сро́ков** қатъияти муҳлат

жесто́к||ий, -ая, -ое (жесто́к, -а, -о) 1. бераҳм(она), золим(она), сангдил(она), бетараҳҳум; **~ий челове́к** одами бераҳм (сангдил); **~ая распра́ва** ҷазои бераҳмона 2. сахт, шиддатнок, шадид, тунд, тунду тез; **~ие моро́зы** сармои қаҳратун; **~ое сопротивле́ние** муқовимати сахт ◇ **~ая необходи́мость** зарурати ногузир

жесто́ко *нареч.* 1. бераҳмона, золимона, сангдилона; **~ поступа́ть** бераҳмона рафтор кардан 2. сахт, ҷиддӣ; **вы ~ ошиба́етесь** шумо сахт хато мекунед

жестокосе́рдие *с* сангдилӣ, бераҳмӣ, бетараҳҳумӣ

жестокосе́рдный, -ая, -ое сангдил, бераҳм, бетараҳҳум, бешафқат

жестокосе́рдый, -ая, -ое *уст. см.* **жестокосе́рдный**

жесто́кост||ь *ж* 1. бераҳмӣ, золимӣ, сангдилӣ, бетараҳҳумӣ; **беспоща́дная ~** ниҳояти сангдилӣ 2. шиддат, сахтӣ, тезӣ, тундӣ; **~ моро́за** шиддати сармо

жёстче *сравн. ст. к* **жёсткий** *и к* **жёстко** сахттар, дурушттар, дағалтар

жесть *ж* тунука; **кро́вельная ~** тунукаи бом

жестя́ник *м см.* **жестя́нщик**

жестя́нка *ж* 1. *(банка)* қуттичаи тунука 2. *разг. (кусок жести)* тунукапора, як порча тунука

жестян||о́й, -а́я, -о́е тунукагӣ, тунукагин, ...и тунука; **~ые тру́бы** дудкашҳои тунука

жестя́нщик *м* тунукасоз

жето́н жетон (1. *нишони металлӣ, ки ба ҷамъияте тааллуқ доштанро ифода мекунад ва ба хотираи ягон воқеа дода мешавад* 2. *нишона ё тамғаи шартӣ, ки барои гирифтани чизе хизмат мекунад)*

жето́нный, -ая, -ое жетонӣ, ...и жетон

жечь *несов.* 1. *кого-что* сӯхтан, сузондан, оташ задан; **~ бума́гу** коғазро сухтан 2. сузондан, даргирондан; **не жги зря свет** чароғро беҳуда насузон 3. *кого-что и без доп.* оташ задан, сузондан, сузиш кунондан; **со́лнце так и жжёт** офтоб ҳай месузонад; **пла́мя костра́ жжёт лицо́** алангаи гулхан руйро месузонад; **крапи́ва бо́льно жжёт** газна сахт сузиш мекунонад; **моро́з жжёт щёки** сармо руйро сузиш мекунонад; **в груди́ жжёт** *безл.* даруни синаам месузад 4. *кого-что перен.* ба изтироб (ба ҳаяҷон) овардан; **мы́сли о сы́не постоя́нно жгли её** ёди писараш уро сахт ба изтироб меовард 5. *что* сузондан, пухтан; **~ кирпи́чи** хишт пухтан ◇ **~ корабли́** ба роҳи бебозгашт даромадан; **~ фимиа́м** *кому книжн.* мадҳу сано хондан

же́чься *несов.* 1. *разг.* сузондан, сузиш кунондан; **крапи́ва си́льно жжётся** газна сахт сузиш мекунонад 2. *разг. (обжигаться)* сухтан, сузондан 3. *страд.* сухта (сузонда) шудан ◇ **жжётся** *прост.* зур намерасад, бисьёр қимат

жже́ние *с* суз, сузиш; **~ в груди́** сузи сина

жжёнка *ж* жжёнка *(шаробе, ки аз коньяк ё ром бо қанду мева ҷушонда тайёр мекунанд)*

жжён||ый, -ая, -ое сухта, сузондашуда, пухта, бирьён; **~ый са́хар** қанди сухта; **за́пах ~ой бума́ги** буи когази сухта; **~ый кирпи́ч** хишти пухта

жива́||ть *несов. разг. многокр. к* **жить**; **я подо́лгу ~л там** ман дар он ҷо бисьёр зиндагӣ кардам

живёхонек, -нька, -нько *прост.* дуппа-дуруст, сиппа-сиҳат, сиҳат-саломат

живёхонько *нареч. прост. (быстро)* даррав, зуд, дар як дам, дар як нафас, ҳадаҳа; **я ~ вернусь** ман даррав бармегардам

жив||ец *м* мулуҳ; **ловить щуку на ~ца** бо мулуҳ моҳии шуртан гирифтан

живительность *ж* руҳафзоӣ, ҷонбахшӣ, ҳаётбахшӣ; **~ солнечных лучей** ҳаётбахшии нурҳои офтоб

живительный, -ая, -ое (живите|лен, -льна, -льно) руҳафзо, ҷонбахш, ҳаётбахш; **~ горный воздух** ҳавои руҳафзои кӯҳсор

живить *несов. кого-что книжн.* рӯҳ бахшидан, руҳбаланд (зиндадил) кардан, ҷон даровардан (дамидан)

живица *ж* шилми (самғи) дарахтҳои сӯзанбарг

живмя *нареч.*: **~ жить** *обл.* муқимӣ будан

живност||ь *ж собир. разг.* ҷонварони майда, ҷонварчаҳо; ҳайвоноти майдаи хонагӣ; мурғони хонагӣ; **болота были полны всякой ~и** ботлоқҳо пур аз ҳар хел ҷонварони майда буданд

живо *нареч.* 1. возеҳу равшан, аён; нағз, ба хубӣ; **он ~ помнил все события прошлого** вай тамоми вақеаҳои гузаштаро нағз дар хотир дошт 2. бисьёр, хеле; **это всех ~ заинтересовало** ин ҳамаро хеле ба мароқ овард 3. бо ҷушу хурӯш, бо руҳбаландӣ; **пьесу играли очень ~** пьесаро бо ҷушу хурӯш бозӣ мекарданд 4. *разг.* ба тезӣ, тез-тез, бо чаққонӣ, зуд, чобукона: **он ~ собрался и уехал** вай зуд чизҳояшро гундошту рафт

живоглот *м прост.* харомхур

живодёр *м прост.* 1. саллох, пусткан 2. *перен.* одами золим, бераҳм 3. *бран* қиматфурӯш

живодёрня *ж прост.* саллоххона, кушишхона

жив||ой, -ая, -ое (жив, -а, -о) 1. зинда, барҳаёт; **~ая рыба** моҳии зинда. **его родители живы** падару модари вай барҳаётанд 2. зинда; **~ая материя** материяи зинда; **~ая природа** табиати зинда 3. ҳақиқӣ, воқеӣ, барҷаста, амалӣ; **~ая действительность** ҳақиқати воқеӣ; **~ой пример героизма** тимсоли барҷастаи қаҳрамонӣ 4. шух, чолок, чаққон, серҳаракат, зиндадил, пурҷушу хурӯш; **~ой ребёнок** бачаи серҳаракат; **~ые глаза** чашмони шух 5. гарм, гарму ҷӯшон: фаъолона; **~ая торговля** бозори гарм; **~ая беседа** суҳбати гарму ҷӯшон; **~ой интерес** шавқу ҳаваси зиёд; **~ое участие** иштироки фаъолона; **~ое любопытство** мароқи зиёд 6. фасеҳ, таъсирбахш; **~ой слог** услуби фасеҳ; **~ой рассказ** ҳикояи таъсирбахш 7. ҳаётӣ, амалӣ, муҳим; **~ое дело** кори амалӣ; **~ое начинание** ташаббуси муҳим 8. сахт, пуртаъсир; **~ая обида** ранҷиши сахт; **~ое воспоминание** хотираи зинда 9. *тк. кр. ф.* зинда; **жив одной надеждой** фақат бо умеду орзу зинда аст 10. *тк. кр. ф. чаще в сочет. со сл. «в душе», «в памяти», «в сердце»* фаромӯшнашуда, дар хотир буда; **они до сих пор живы в моей памяти** онҳо то ба ҳол дар хотири ман мондаанд ◇ **~ой вес** вазни зинда; **~ая вода** *фольк.* оби ҳаёт, оби ҳайвон; **~ая изгородь** чапарак, буттадевор; **~ой инвентарь** мол, чорпо; **~ой портрет** як себу ду тақсим; **~ое предание** ривояти фаромӯшнашуданӣ; **~ая рана** реши равон; **~ая стена** девори зинда *(қатори зичи одамон)*; **~ые цветы** гулҳои тару тоза; **~ые языки** забонҳои зинда; **~ого места нет (не осталось)** ҷои солимаш (ободаш) нест (намондааст): **~ого слова не услышишь** 1) як даҳан гапи дуруст намешунавӣ 2) ягон каси чақ-чақ мекардагӣ нест; **на ~ую нитку** нугидастӣ, нимкора, чала-чулпа; **на ~ую руку** шитобкорона, саросемавор, чалачулпа; **ни жив ни мёртв** на зиндаю на мурда; **ни одной ~ой души** ҷонзоде (хеч кас) нест; **в ~ых** берун аз гур, аз хок берун; **жив-здоров** сиҳату саломат; **жив курилка!** ҳануз намурдааст (намурдай)!; **задеть (забрать) за ~ое кого-л.** ба қитиқи касе расидан; **по ~ому резать** хомдаррон кардан, алокаро зуран катъ кардан

живописать *сов., несов. кого-что книжн.* [зинда] тасвир кардан; хуш баён кардан

живописец *м* рассом, сураткаш, наққош

живописно *нареч.* тасвиркорона, зебо

живописность *ж* зебоӣ, хушманзарагӣ

живописн||ый, -ая, -ое (живописе|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* ...и рассомӣ, ...и суратгарӣ, ...и наққошӣ; **~ая мастерская** устохонаи суратгарӣ (рассомӣ) 2. зебо, хушманзара; **~ые окрестности** ноҳияи хушманзара; **~ая поза** қиёфаи зебо 3. *перен.* тасвирнок, образнок, фасеҳ; **~ое сравнение** ташбеҳи барҷаста

живопись *ж* 1. рассомӣ, суратгарӣ, наққошӣ; **заниматься ~ю** рассомӣ (наққошӣ) кардан, машғули суратгарӣ шудан 2. *собир.* суратҳо, расмҳо; **стенная ~** расмҳои деворӣ; **батальная ~** тасвири манзараҳои ҷанг

живорез *м прост.* роҳзан, каллабур

живородящ||ий, -ая, -ее *зоол.* зиндазо; **~ая рыба** моҳии зиндазо

живорождение *с зоол.* зиндазоӣ

живорыбный, -ая, -ое ...и моҳии зинда; **~ садок** зарфи зиндамоҳӣ

живосечение *с см.* **вивисекция**

живость *ж* 1. шухӣ, чолокӣ, чаққонӣ, серҳаракатӣ; **~ движений** серҳаракатӣ, чустучолокӣ; **~ в глазах** шухии чашм 2. *(оживлённость)* ҷоннок (гарму ҷӯшон) будан(и), зиндадилӣ 3. равшанӣ, дурахшонӣ, возеҳӣ; **~ воспоминаний** дурахшонии хотирот ◇ **с ~ю** зуд, ба тезӣ, чобукона, чолокона

живот I *м* шикам, батн; **вздутый ~** шиками дам; **лежать на ~е** ба шикам хобидан ◇ **~ подвело** шикам ба таҳтапушт часпидааст, шикам танбур навохта истодааст; **надорвать ~ы со смеху (от хохота)** аз ханда рудакан шудан

живот II *м уст.* ҳаёт, зиндагӣ, ҷон; **сражаться за родину, не жалея ~а** ҷони худро дарег надошта барои ватан ҷангидан; **не на ~, а на смерть** ё ҳаёт, ё мамот

живот III *м уст. обл.* ҳайвоноти хонагӣ *(бештар асп)*

животворно *нареч.* руҳафзо, ҷонбахш; **горный воздух ~ подействовал на больного** ҳавои кӯҳ ба бемор таъсири руҳафзо бахшид

животворн||ый, -ая, -ое (животворе|ен, -на, -но) руҳафзо, ҷонбахш; **~ые лучи солнца** нурҳои руҳафзои офтоб; **~ый сон** хоби руҳафзо; **~ый источник** чашмаи ҳаётбахш

животворящ||ий, -ая, -ее *см.* **животворный**: **~ая сила солнца** қувваи ҳаётбахши офтоб

животик *м уменьш.-ласк. к* **живот** I шикамча ◇ **надорвать ~и со смеху (от хохота)** аз ханда рудакан шудан

животина *ж прост.* ҳайвони хонагӣ, чорпо, мол

животновод *м* чорводор, чорвопарвар: мутахассиси чорводорӣ

животноводство *с (отрасль)* чорводорӣ; *(наука)* илми чорводорӣ

животноводческ||ий, -ая, -ое ...и чорводорӣ, чорводор; **~ие колхозы** колхозҳои чорводор

животн||ое *с* 1. ҳайвон, чорпо, ҷонвар; **домашнее ~ое** ҳайвони хонагӣ; **хищные ~ые** ҳайвоноти дарранда 2. *бран.* ҳайвон, хар, гов

животный, -ая, -ое 1. ҳайвонӣ, ...и ҳайвон, ...и ҳайвонот; **~ мир** олами ҳайвонот 2. *(органический)* ҳайвонӣ, ...и ҳайвон; **~ клей** елими рагу пай 3. *(инстинктивный)* бешуурона 4. *перен.* паст, разилона, дурушт, дагал; **животные чувства** ҳиссиёти паст ◇ **~ эпос** *лит.* эпоси тамсилӣ; **~ орнамент** нақши ҳайвонот

животрепещущий, -ая, -ее 1. ҳаётан муҳим, рӯзмарра, зарур; **~ вопрос** масъалаи ҳаётан муҳим 2. зинда, ҳақиқӣ; **~ образ** образи зинда 3. *(живой)* зинда

живучесть *ж* 1. *(выносливость)* ҷонсахтӣ, ҷонсахт будан(и), бадмур будан(и) 2. *перен.* пойдорӣ, устуворӣ, устувор будан(и) 3. *перен. (долговечность)* безаволӣ, поянда будан(и), безавол будан(и)

живуч||ий, -ая, -ее (живуч, -а, -е) 1. ҷонсахт, беор; **~ее растение** гиёҳи беор; **~а как кошка** гурба барин сахтҷон аст 2. *перен. (стойкий)* пойдор, устувор, истам 3. *перен. (долговечный)* бобако, фаромӯшнашаванда, безавол

живчик *м* 1. *см.* **живец**; 2. *прост.* одами бисьёр шух (беқарор, серҳаракат) 3. *разг. (биение артерии на виске)* задани раги чакка 4. *биол.* ҳуҷайраи наринаи нутфа

живьём *нареч.* 1. *прост.* зинда, зинда ба зинда, бо лоқу параш; **схватить** ~ зинда дастгир кардан (қапидан); **кошка проглотила рыбку** ~ гурба моҳиро зинда фуру бурд 2. *обл.* *(наспех, непрочно)* саросемавор, бо шитоб, шитобкорона; нимунимкора

жигалка *ж зоол.* магаси тирамоҳӣ

жигануть *сов. кого-что и без. доп. прост. (сильно ударить)* сахт задан *(бо қамчин, чӯб ё химча)*

жидк||ий, -ая, -ое (жид|ок, -ка, -ко) 1. обакӣ, моеъ, суюқ, шуррут; ~**ие тела** *физ.* ҷисмҳои моеъ; ~**ое топливо** сӯзишвории моеъ; ~**ая грязь** лои шуррут; ~**ий суп** пиёба; ~**ая каша** шавла; ~**ое молоко** шири камравған; ~**ий кофе** қаҳваи камранг; ~**ий чай** чои камранг 2. тунук, сирак, холибех; ~**ая борода** риши тунук; ~**ий лес** ҷангали сирак; ~**ая пшеница** гандуми холибех 3. *разг.* суст, наҳиф, заиф, беқувват; ~**ий голос** овози наҳиф; ~**ие мускулы** мушакҳои суст 4. борик, ноустувор, ларзон; ~**ие перила лестницы** панҷараи борики зинапоя 5. *перен. разг.* каммазмун, суст; ~**ие аргументы** далелҳои суст

жидко *нареч.* обакӣ, шуррут; суст; **каша сварена** ~ шавла шуррут шудааст

жидкостн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и моеот; ~**ые свойства** хусусиятҳои моеот

жидкост||ь *ж* 1. моеъ, чизи обакӣ (шуррут); **меры** ~**ей** ченаки моеот 2. *перен.* каммазмунӣ, сустӣ

жижа *ж* обият, лои шуррут; **навозная** ~ поруи ҷалчиқ

жиже *сравн. ст. к* **жидкий** *и к* **жидко** камрангтар, сусттар

жижица *ж разг. уменьш. к* **жижа**

жизне- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «зинда», «ҳаёт», «ҳаётӣ»:* **жизнелюб** ҳаётдуст, зиндагипараст

жизнедеятельность *ж* 1. *биол.* фаъолияти ҳаётӣ 2. *перен.* фаъол (серҳаракат, серғайрат) будан(и)

жизнедеятельный, -ая, -ое (жизнедеяте|лен, -льна, -льно) 1. *биол.* қобили ҳаёт, қобили зиндагӣ 2. *перен.* фаъол, серҳаракат, серғайрат; ~ **человек** одами серҳаракат

жизнелюб *м* ҳаётдӯст

жизнелюбец *м см.* **жизнелюб**

жизнелюбивый, -ая, -ое (жизнелюбив, -а, -о) ҳаётдӯст; ~ **человек** одами ҳаётдӯст

жизнелюбие *с* ҳаётдӯстӣ

жизненно *нареч.* ҳаётан; **это** ~ **необходимо** ин ҳаётан зарур (муҳим) аст

жизненность *ж* 1. қобили ҳаёт будан(и), ҳаётн 2. ҳаётият, ҳаққоният; муҳиммӣ, аҳамият доштан(и)

жизненн||ый, -ая, -ое (жизнен, -на, -но) 1. ҳаётӣ, ...и ҳаёт, ...и зиндагӣ; ~**ые процессы** процессҳои зиндагӣ; ~**ый опыт** таҷрибаи ҳаётӣ (зиндагӣ); ~**ый путь** роҳи ҳаёт (зиндагӣ) 2. *тк. полн. ф.* муҳим, зарур, ҳаётӣ, аҳамиятнок; ~**ый вопрос** масъалаи муҳим; ~**ые центры страны** марказҳои муҳимми мамлакат

жизнеобеспечение *с* таъмини фаъолияти организм, таъмини зисти организм

жизнеописание *с* тарҷумаи ҳол; **краткое** ~ мухтасари тарҷумаи ҳол

жизнеощущение *с* ҳаётфаҳмӣ

жизнепонимание *с* ҷаҳонбинӣ, ҳаётдонӣ, зиндагифаҳмӣ

жизнерадостность *ж* зиндадилӣ, ҳаётдӯстӣ, шодкомӣ

жизнерадостный, -ая, -ое (жизнерадост|ен, -на, -но) зиндадил, ҳаётдуст, шодком, хандонрӯй; ~ **человек** одами зиндадил

жизнеспособность *ж* қобилияти ҳаётӣ (зист, зиндагӣ); ~ **организма** қобилияти ҳаетии организм

жизнеспособн||ый, -ая, -ое (жизнеспособ|ен, -на, -но) 1. қобили ҳаёт (зист); ~**ые семена** тухмии сара 2. *перен.* қобилиятнок, фаъол; ~**ый коллектив** коллективи фаъол

жизнестойкий, -ая, -ое ҷонсахт, ҳаётан устувор

жизнестойкость *ж* ҷонсахтӣ, ҳаётан устувор будан(и)

жизнеутверждающ||ий, -ая, -ее некбинона, зиндадилона; ~**ие идеи** ғояҳои некбинона

жизн||ь *ж* 1. ҳаёт, зист, зиндагӣ, зиндагонӣ; **возникновение** ~**и на Земле** пайдоиши ҳаёт дар рӯи Замин 2. зиндагонӣ, зиндагӣ, ҳаёт, умр, ҷон; ~**ь человека** умри инсон; ~**ь растений** ҳаёти наботот; **борьба за** ~**ь** мубориза барои ҳаёт; **средства к** ~**и** мояи ҳаёт; **рисковать** ~**ью** ҷонро ба каф гирифтан; **спасти чью-л.** ~**ь** касеро аз марг халос кардан 3. ҳаёт; **общественная** ~**ь** ҳаёти ҷамъиятӣ; **культурная** ~**ь** ҳаёти маданӣ; **духовная** ~**ь** ҳаёти маънавӣ; **хозяйственная** ~**ь страны** ҳаёти хоҷагии мамлакат 4. тарзи зиндагӣ (зист, ҳаёт); **деревенская** ~**ь** ҳаёти деҳот; **кипучая** ~**ь** ҳаёти пурҷӯшу хуруш; **вести праздную** ~**ь** форигболона рӯз гузаронидан; ~**ь бьёт ключом** ҳаёт дар ҷушу хурӯш аст 5. ҳаёт, воқеият, ҳақиқат; **провести решение в** ~**ь** қарордодро ба амал баровардан; **случай из** ~**и** воқеаи зиндагӣ 6. умр, ҳаёт, зиндагонӣ; **в течение всей** ~**и** дар тамоми умр; **всю свою** ~**ь он отдал науке** вай тамоми умри худро ба илм бахшид; **при его** ~**и** дар вақти зинда буданаш 7. зиндадилӣ, бардамӣ, ҳаётдустӣ; **он был весел, полон** ~**и** вай шодмону комрон аз зиндагӣ буд 8. ҷӯшу хурӯш, ҷунбуҷӯл, ҳаракат; **в доме уже началась** ~**ь** дар хона ҷунбуҷӯл сар шуд 9. *уст.* кас, нафар; **враг загубил немало** ~**ей** душман бисёр касонро нобуд кард ◇ **вопрос** ~**и и смерти** масъалаи ҳаёту мамот; **между** ~**ью и смертью** байни ҳаёту мамот; **на склоне** ~**и (дней, лет)** дар пиронсолӣ, дар айёми пирӣ; **не на** ~**ь, а на смерть** ҷонро дареғ надошта; ё ҳаёт, ё мамот; **ни в** ~**ь** ҳаргиз, асло, ба ҳеҷ ваҷҳ; **по гроб** ~**и** *прост.* то дами марг; **подруга** ~**и** *шутл.* рафиқаи ҳаёт, ҳамсар, завҷа; **прожигатель** ~**и** айёш; **путёвка в** ~**ь** дастури (роҳномаи) ҳаёт; **возвратить к** ~**и** ба ҳуш овардан; аз марг халос кардан; **войти в** ~**ь** ба истеъмол даромадан; ба ҳаёт татбиқ шудан; **вызвать к** ~**и** боиси пайдоиши *чизе* шудан, сабабгор шудан; **вычеркнуть из [своей]** ~**и** аз лавҳи хотир шустан; аз дил бароварда партофтан; **даровать** ~**ь** ҳаёт бахшидан, афв кардан; **дать** ~**ь** *кому* умр ато кардан, зоидан; **дорого продать свою** ~**ь** ҷон гарон фурӯхтан, беҳуда ҷон нисор накардан; **загубить чью-л.** ~**ь** рӯзи касеро сиёҳ кардан, умри касеро сӯзондан (хазон кардан), касеро бадбахт кардан; **лишить** ~**и** *кого* куштан, қатл кардан; **отдать (положить)** ~**ь за кого-что-л.** барои касе, чизе ҷон фидо кардан; **покончить с** ~**ью** худкушӣ кардан; **принести** ~**ь на алтарь отечества** ҷонро фидои ватан кардан; **прожигать** ~**ь** айёшӣ кардан; ~**ь моя!** ҷони ман!, ҷони ширин!; ~**и не рад** аз ҷон безор; бисёр хафа; ~**ь прожить — не поле перейти** *посл.* ≈ зиндагӣ кори осон не

жиклёр *м тех.* жиклёр *(асбобе, ки сарфи моеот ё газро муайян мекунад)*

жил- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маъноҳои зерин меояд:* 1) *«истиқоматӣ», «...и истиқомат»* — **жилплощадь** [масоҳати] манзилгоҳ 2) *«...и хона», «...и бошишгоҳ», «...и хонаҷой»* — **жилуправление** идораи хонаҷой

жил||а I *ж* 1. *разг.* *(кровеносный сосуд)* раг, пай; **руки с выпуклыми** ~**ами** дастони барҷастараг 2. *горн.* раг *(кафидагии қишри замин, ки бо ягон ҷинси кӯҳӣ, минерал ё маъдан пур шуда бошад)*: **золотоносная** ~**а** раги маъдани тилло 3. *тех.* сими кабел ◇ **вытянуть** ~**ы из кого-л.** ҷавҳари баданашро кашида гирифтан; **в его** ~**ах течёт** *чья, какая* **кровь** ин аз фалон аслу насаб аст

жила II *м, ж прост.* *(скряга)* хасис, зихна

жилет *м* камзӯлча

жилетк||а *ж см.* **жилет** ◇ **плакать(ся) в** ~**у** *ирон.* аз тақдири худ нолидан

жилетный, -ая, -ое камзӯлчагӣ, ...и камзӯлча; ~ **карман** кисаи камзӯлча

жилец *м* истиқоматкунанда, бошанда; иҷоранишин; **жильцы дома** бошандагони ҳавлӣ ◇ **он не** ~ **на этом свете** рӯзаш буд шудааст, паймонааш пур шудааст

жилист||ый, -ая, -ое (жилист, -а, -о) 1. серрагу пай, серпай, чандир; ~**ое мясо** гушти чандир 2. барҷастараг; ~**ые руки** дастони барҷастараг 3. *(худощавый)* қоқина 4. *перен. разг.* *(выносливый)* чандир, ҷонсахт

жилиться *несов. прост.* 1. *(напрягаться)* зӯр задан, кӯшиш кардан 2. *(скупиться)* хасисӣ (зихнагӣ) кардан

жиличка *разг. женск. к* **жилец**

жилище *с* манзил, маскан, бошишгоҳ, истиқоматгоҳ

жилищн||ый, -ая, -ое ...и хона, ...и манзил, ...и бошишгоҳ, ...и хонаву ҷой; **~ое строительство** сохтмони манзил; **~ые условия** шароити хонаву ҷой

жилк||а *ж* 1. *уменьш. к* **жила** I 1 рагча, раги борик 2. *бот.*, *зоол.* рагча *(раги борики риштамонанди руи барг ё боли ҳашарот)* 3. *горн.*, *лес.* раг; **белый мрамор с красными ~ами** мармари сафеди сурхраг 4. *перен.* қобилият, истеъдод; **организаторская ~а** қобилияти ташкилотчигӣ; **артистическая ~а** истеъдоди артистӣ ◇ **попасть в [самую] ~у** *уст.* кореро дар айни вақташ кардан, дар айни вақташ расида омадан

жилкование *с бот.*, *зоол.* рагдавонӣ *(ҷобаҷошавии рагчаҳои барг ва боли ҳашарот)*

жил||ой, -ая, -ое истиқоматӣ, ...и манзил, ...и зист; **~ые комнаты** хонаҳои зист; **строительство ~ых зданий** сохтмони манзил

жилотдел *м* шуъбаи хонаву ҷой

жилплощадь *ж* [масоҳати] манзилгоҳ

жилстроительство *с* сохтмони хонаву ҷой

жилуправление *с* идораи хонаву ҷой

жилфонд *м* фонди хонаву ҷой

жиль||ё *с* 1. ҷой, маскан, ободӣ; **мы долго ехали, не встречая признаков ~я** роҳи бисёре тай намудем, вале нишони маскане набуд 2. *разг.* *(жилище)* хона, хонаву ҷой, манзил 3. *разг.* *(житьё)* зиндагонӣ рузгор, зист

жильн||ый, -ая, -ое 1. ...и раг, ...и пай, ...и рагу пай; **~ые струны** торҳои раг 2. *горн.* ...и рага; **~ые породы** ҷинсҳои рагадор

жим *м спорт.* бардоштан(и)

жимолость *ж бот.* бушол, мушол

жир *м* равған, чарбу, пиҳ; **животные ~ы** равғани ҳайвонот; **растительные ~ы** равғани растанӣ; **рыбий ~** равғани моҳи ◇ **заплыть ~ом** чарбу гирифтан; **лопаться от ~у (с ~у)** чарбу бастан; **нагулять ~у** фарбеҳ шудан; **с ~у беситься** *прост.* аз серию пурӣ маст шудан; **спустить ~** хароб шудан, аз гушт фаромадан

жираф *м*, **жирафа** *ж* заррофа, шутурпаланг

жиреть *несов.* фарбеҳ шудан, равған бастан; гушт гирифтан

жирник *м обл.* чароғча, милмилак, чароғи сиёҳ; **на столе теплился ~** дар болои миз чароғча милтирос мезад

жирно *нареч.* равғанин, серравған ◇ **~ будет** *прост.* аз ҳад зиёд мешавад

жирномолочность *ж* серравғании шир

жирномолочный, -ая, -ое ...и шираш серравған; **~ скот** ҳайвоноти шираш серравған

жирность *ж* 1. равғандорӣ, серравғанӣ; **~ молока** [дараҷаи] равғандории шир 2. *(упитанность)* фарбеҳи

жирн||ый, -ая, -ое (жир|ен, -на, -но) 1. равғанин, серравған; **~ое мясо** гушти серравған; гушти фарбеҳ; **~ая пища** таоми серравған 2. *(тучный)* фарбеҳ, равғанзеркарда 3. зур, бардам, хуб; **~ая земля** замини зур (бардам); **~ый уголь** ангишти хушсифат 4. равғанӣ, ...и равған; **~ое пятно** доғи равған 5. *полигр.* ғафс; **~ый шрифт** ҳарфҳои гафс ◇ **~ый кусок** луқмаи равғанин

жиро *с нескл. фин.* жиро *(қайди ҳавола дар вексель ё дар пушти чек ва ғ.)*

жирование *с см.* **жировка** I

жировать I *несов. что тех.* равған додан (ҷаббондан), равған молидан; **~ кожу** пустро равған додан

жировать II *несов.* 1. *охот.* бозикунон хӯрок хӯрдан *(оид ба парранда ва ҳайвоноти шикорӣ)* 2. *сад.* ғав кардан (бастан)

жировик I *м см.* **жирник**

жировик II *м мед.* ғуррӣ *(варами безарари равғании зери пуст)*

жировка I *ж тех.* равғандиҳӣ, равғанмолӣ, равғанҷаббонӣ; **~ кожи** равғандиҳии пуст

жировка II *ж (ҳуҷҷати хонапулӣ)*

жиров||ой, -ая, -ое 1. равғанин, равғандор, чарбудор; **~ые отложения** чарбу; **~ые вещества** моддаҳои равғандор 2. ...и равған, равғанкашӣ, равғангарӣ; **~ая промышленность** саноати равған ◇ **~ое яйцо** тухми беҷанин

жиромолочность *ж см.* **жирномолочность**

жиромолочный, -ая, -ое *см.* **жирномолочный**

жиронда *ж* жиронда *(1. ист. партияи сиёсии давраи революцияи буржуазии асри 18 Франция, ки манфиати буржуазияи калонро ифода менамуд 2. перен. дастаи сиёсии гуруҳе ки ба созиш кардан бо контрреволюция моиланд)*

жирондист *м ист.* жирондист *(аъзои партияи жиронда)*

жироотложение *с* равғанбандӣ, чарбубандӣ

жирооборот *м фин.* жирооборот *(амали пардохтани қарз бо роҳи ҳисобҳои ғайринақдина)*

жироприказ *м фин.* жироприказ *(фармоиши хаттии пулгузор ба муассисаи кредит дар хусуси хисобӣ кардан бо қарзҳои у)*

жироскоп *м уст. см.* **гироскоп**

жиротопление *с* равғанобкунӣ

житейск||ий, -ая, -ое 1. ...и ҳаёт, ...и зиндагӣ, маишатӣ, ҳаётӣ; **~ий опыт** таҷрибаи зиндагӣ; **~ая мудрость** ҳикмати ҳаёт 2. *(обыденный)* рузгор, ...и рузмарра, ...и зиндагӣ; **~ие дела и заботы** ташвишу тараддуди рузгор; **разговор на ~ие темы** суҳбат аз кору бори рӯзмарра ◇ **дело ~ое!** зиндагӣ-дия!

жител||ь *м* сокин, истиқоматкунанда, аҳл, бошанда; **коренной ~ь** сокини маҳаллӣ (тагҷоӣ) // *(о животных, птицах)* ҷонвар; **~и пустынь** ҷонварони биёбон

жительств||о *с* истиқомат, сукунат; **место постоянного ~а** ҷои истиқомати доимӣ ◇ **вид на ~о** *уст.* паспорт, ҳуҷҷати зист

жительствовать *несов. уст.* иқомат (сукунат) кардан

жити||е *с уст.* 1. *церк.* сияр, шарҳи ҳол *(одатан оид ба аҳли дин)*; **~я святых** қисасулавлиё 2. *шутл.* зиндагӣ, зисту зиндагӣ; **беспечальное ~е** зисту зиндагии беғамона

житник *м обл.* нони ҷавдор

житниц||а *ж* 1. *уст.* анбори ғалла 2. *перен.* кони (хирмани) ғалла

житный, -ая, -ое ҷавдорӣ, ...и ҷавдор; ...и ҷав, ҷавин; **~ хлеб** нони ҷав

жит||о *с обл.* ҷавдор; ҷав ◇ **всякого ~а по лопате** *погов.* ≈ аз ҳар хирман як хуша; сумане аз ҳар чамане

жить *несов.* 1. зистан, зиндагӣ кардан, умр дидан 2. зистан, умр ба сар бурдан; **~ зажиточно** осудаҳолона зистан; **~ уединённо** дар танҳоӣ зистан; **~ припеваючи** бо фароғат умр ба сар бурдан, зиндагии пуру паймон доштан; **~ на широкую ногу** пуру паймон зистан, зиндагии фаровон доштан; **~ собственным трудом** бо меҳнати худ зистан, бо дастранҷи худ зистан 3. истиқомат кардан, сукунат доштан; **он жил на берегу Волги** вай дар соҳили Волга сукунат дошт 4. *(о животных, птицах)* зистан, зиндагӣ кардан, будан; **эти звери живут на севере** ин ҳайвонҳои ваҳшӣ дар шимол зиндагӣ мекунанд 5. *кем-чем* зинда будан; **~ надеждой** бо умед зинда будан; **она жила одними детьми** ҳаёти вай барои фарзандонаш буд 6. ҳамроҳ (якҷоя) зистан, зиндагонӣ кардан; **они живут дружно** онҳо аҳлона зиндагонӣ мекунанд 7. *перен.* зинда будан, фаромӯш нашудан, дар ёд (дар хотир) будан; **его слова живут в моём сердце** суханони у дар ёди ман аст 8. *с кем разг.* алоқа доштан, ишқбозӣ кардан ◇ **~ в согласии** аҳлона зистан; **~ душа в душу** дӯстона (апоқ-чапоқ) зиндагӣ кардан; **~ [как] на вулкане** дар байни обу оташ будан; **~ своим умом** бо ақли худ амал кардан; **~ чужим умом** бо ақли дигарон рафтор кардан; **жил-был** буд-набуд; **~-поживать** зиндагӣ кардан, рӯз дидан; **велеть- (приказать) долго ~** чашм аз дунёе пушидан, аз дунёе даргузаштан, мурдан; **[за] здорово живёшь** *прост.* бе сабаб, ҳамту; **с волками ~ — по-волчьи выть** *посл.* ≈ шаҳри якчашмон равӣ, якчашма шав

жить||ё *с разг.* 1. зиндагӣ, рӯзгор; **привольное ~ё** зиндагонии бофароғат; **на ~ё не жалуемся** рузамон (зиндагиамон) бад нест, аз зиндагӣ шикоят надорем 2. зиндагӣ, истиқомат; **это помещение непригодно для ~я** ин бино барои истиқомат кор намеояд ◇ **~ё-бытьё** зисту зиндагӣ, рузгор; **~я нет** *кому* аз ҷон сер кардан, рӯз надодан

житьишко *с прост. уничг. к* **житьё** I зиндагии сахт, рӯзгори бад

житься *несов. безл. разг.* зиндагӣ кардан, рӯз гузарондан; **ему хорошо живётся** зиндагониаш хуб аст

жмот *м прост.* хасис, зихна, мумсик

жмурить *несов. что:* ~ **глаза** чашмро нимкоф кардан

жмуриться *несов.* чашмро нимкоф кардан

жмурки *тк. мн.* чашмбандакбозӣ, бозии чашмбандак; **играть в** ~ чашмбандакбозӣ кардан

жмыхи *мн.* (*ед.* **жмых** *м*) кунҷора; **подсолнечные** ~ кунҷораи офтобпараст

жмыхов||ый, -ая, -ое кунҷорагӣ, ...и кунҷора; ~**ые корма** кунҷора

жмыходробилка *ж* мошини кунҷоракӯб

жнейка *ж* мошини дарав

жнец *м* даравгар, доскаш; [и] **швец, и** ~, **и в дуду** (**на дуде**) **игрец** *погов.* ≈ салими садкора (ҳамакора); даҳ ангушташ ҳунар

жнея *ж обл. см.* **жница**

жниво *с обл. см.* **жнивьё**

жнивьё *с* 1. (*поле*) ангор 2. (*солома*) галлапоя 3. *обл.* (*жатва*) дарав

жнитво *с обл.* 1. *см.* **жнивьё** 2, 3; 2. галлаи даравнашуда; галлаи банд-банд басташуда

жница *женск. к* **жнец**

жокей *м* чопандоз

жокейский, -ая, -ое ...и чопандоз, ...и чопандозӣ; ~ **костюм** либоси чопандозӣ

жом *м* 1. пресс, исканҷа; **маслобойный** ~ исканҷаи равганкашӣ 2. (*выжимки*) тилф

жонглёр *м* жонглёр, тосбоз, кордбоз (*дар цирк*)

жонглёрский, -ая, -ое жонглёрӣ, ...и жонглёр

жонглёрство *с* 1. жонглёрӣ, санъати тосбозӣ, кордбозӣ 2. *перен.* гапфурушӣ, найрангбозӣ, ҳуққабозӣ

жонглирование *с* (*по знач. гл.* **жонглировать**) жонглёрӣ кардан(и); найрангбозӣ; ~ **словами** гапфурушӣ, суханбозӣ

жонглировать *несов. чем и без доп.* 1. жонглёрӣ кардан; ~ **шарами** муҳрабозӣ кардан 2. *перен.* гапфурушӣ (найрангбозӣ, ҳуққабозӣ) кардан; ~ **фактами** ҳуққабозӣ кардан

жор *м* (*сильный клёв рыбы*) бародри сайди моҳӣ

жох *м прост.* қаллоб, каззоб, фиребгари гузаро

жратва *ж груб.* хӯрданӣ

жрать *несов. что груб.* дулунҷа хӯрдан, таки бинӣ задан

жребі||й *м* 1. қуръа, чак; **бросать** ~**й** қуръа партофтан; **тянуть** ~**й** қуръа кашидан; ~**й пал на меня** қуръа ба номи ман афтид; **достаться по** ~**ю** аз рӯи қуръа насиб шудан 2. *перен. уст.* қисмат, сарнавишт, насиба ◇ ~**й брошен!** ҷазм шуд!, масъала ҳал!

жрец *м* 1. коҳин 2. *перен.* фидоӣ; ~ **искусства** фидоии санъат

жреческий, -ая, -ое ...и коҳин, коҳинона

жрица *ж* коҳина

жужелица *ж зоол.* гамбуски виз-визак

жужжание *с* (*по знач. гл.* **жужжать**) виззос (ғингос) задан(и); (*звуки*) виззос, ғингос; ~ **комара** гингоси хомушак

жужж||ать *несов.* виззос (ғингос) задан, ғинг-ғинг кардан; **около цветка** ~**ит пчела** занбури асал дар сари гул ғингос мезанад; ~**ат пули** тирҳо виззос мезананд

жуир *м уст.* айёш, ишратпараст

жуировать *несов. уст.* айёшӣ (ишратпарастӣ) кардан

жук I *м* гамбуск; **навозный** ~ гамбуски гелон

жук II *м прост.* айёр, қаллоб, фиребгар, шайтон

жулик *м* қаллоб, каззоб, фиребгар; дузд, кисабур

жуликоватый, -ая, -ое қаллобнамо, дуздбашара, фиребгарнамо; ~ **вид** дуздбашара

жульё *с собир. разг.* қаллобон, каззобҳо, фиребгарон; дуздон, кисабурон

жульничать *несов. разг.* қаллобӣ (фиребгарӣ, дуздӣ каззобӣ) кардан

жульнический, -ая, -ое *разг.* ...и қаллоб, қаллобона, ...и фиребгар, фиребгарона

жульничество *с разг.* қаллобӣ, фиребгарӣ; дуздӣ

жупан *м обл.* чакман

жупел *м* хуса

журавлин||ый, -ая, -ое кулангӣ, ...и турна; ~**ая стая** селаи турнаҳо // *перен.* кулангӣ, кулангона, кулангвор; ~**ый шаг** қадаммонии кулангвор

журавл||ь *м* 1. куланг, турна; **стая** ~**ей** селаи турнаҳо 2. (*у колодца*) манҷаники чоҳ

журить *несов. кого* сарзаниш (мазаммат, коҳиш) кардан; ~ **детей** фарзандонро сарзаниш кардан

журиться *несов. обл.* ғамгин шудан, ғусса хӯрдан

журнал *м* 1. журнал, маҷалла; **ежемесячный** ~ маҷаллаи ҳармоҳа 2. журнал, дафтар; **классный** ~ журнали синф; ~ **наблюдений** дафтари мушоҳидот

журналист *м* журналист, рӯзноманигор

журналистика *ж* 1. журналистика, рӯзноманигорӣ 2. *собир.* матбуоти даврӣ

журналистка *женск. к* **журналист**

журналистский, -ая, -ое журналистӣ, ...и журналист, ...и рӯзноманигор

журнальн||ый, -ая, -ое журналӣ, ...и журнал, ...и маҷалла; ~**ая статья** мақолаи маҷалла; ~**ая полемика** баҳсу мунозира дар саҳифаҳои маҷалла

журфикс *м уст.* журфикс, қабули меҳмон (*дар рӯзҳои муайян*)

журчание *с* (*по знач. гл.* **журчать**) шилдиррос задан(и); (*звуки*) шилдиррос, шилдир-шилдир; ~ **ручья** шилдирроси ҷӯйча

журч||ать *несов.* шилдиррос задан, шилдир-шилдир кардан; ~**ат ручьи** ҷӯйчаҳо шилдиррос мезананд

жутк||ий, -ая, -ое (жут|ок, -ка, -ко) 1. воҳиманок, даҳшатнок, ҳавлнок, мудҳиш; ~**ое зрелище** манзараи мудҳиш; ~**ая картина** манзараи даҳшатнок 2. *перен. разг.* тоқатфарсо, сахт, шадид; ~**ий мороз** сармои тоқатфарсо, қаҳратун

жутко 1. *нареч.* даҳшатнок, ваҳшатомез, ҳавлангез, тоқатфарсо 2. *в знач. сказ. безл. кому* ҳавлангез аст; **нам всем было** ~ **в темноте** торикӣ барои ҳамаи мо ҳавлангез буд 3. *разг.* ниҳоят бисьёр, хеле; ~ **много дел** кор ниҳоят бисьёр аст

жуткост||ь *ж* воҳиманокӣ, даҳшатнокӣ ◇ **до** ~**и** *прост. см.* **жуть** (**до жути**)

жут||ь *ж разг.* 1. воҳима, ҳарос, даҳшат, ҳавл; **им овладела** ~**ь** вай ба воҳима афтод 2. *в знач. сказ. безл.* ҳавлангез аст ◇ **до** ~**и** бисьёр, бeҳад

жухл||ый, -ая, -ое мурда, бетароват, пажмурда, хушкида; ~**ая трава** алафи хушкида

жухнуть *несов.* 1. (*блёкнуть — о красках*) хира шудан паридан 2. (*о траве, листьях*) хушкидан, пажмурдан, бетароват шудан; **листья на деревьях стали** ~ барги дарахтон пажмурда шудан гирифтанд

жучить *несов. кого прост.* мудом сарзаниш (мазаммат) кардан

жучок *м* 1. *уменьш. к* **жук** I; **древесный** ~ гамбусаки дарахт (чӯб) 2. *разг.* жучок (*пуки дастисохти электрики*)

жюри *с нескл.* жюри, ҳакамон, [ҳайати] доварон

З

за *предлог* 1. *с вин.* (*указывает направление движения за пределы чего-л.*) аз, ба; **уехать за город** аз шаҳр берун рафтан; **выбросить за окно** аз тиреза берун партофтан; **уйти за реку** ба он тарафи дарьё рафтан; **выйти за дверь** аз дар берун баромадан; **вынести за скобки** аз қавс баровардан // (*под, внутрь, за*) ба паси..., ба даруни..., ба; **заткнуть рукавицы за пояс** дастпӯшакро ба миёнбанд андармон кардан; **положить за пазуху** ба бағал андохтан; **поставить за шкаф** ба паси ҷевон монидан; **заложить руки за спину** дастро ба пушт кардан 2. *с вин.* (*указывает на предмет, орудие, средство действия, чаще с гл. «сесть», «стать» и т. п.*) ба сари...; **сесть за стол** ба сари миз нишастан; **сесть за руль** ба сари руль нишастан; // (*указывает на начало действия, занятия*) ба; **взяться за работу** ба кор сар кардан; **приняться за учение** ба таҳсил шурӯъ кардан 3. *с вин.* (*указывает*

на промежуток времени, в течение которого что-л. совершается) дар, дар зарфи..., дар бадали..., дар муддати...; **за ночь выпало много снегу** дар як шаб барфи зиёде боридааст; **мальчик подрос за лето** дар муддати тобистон бача калон шудааст; **за последние три года** дар се соли охир; **эту работу можно сделать за два часа** ин корро дар ду соат кардан мумкин аст; **за один раз** да як бор, якбора 4. *с вин. (указывает на время, отделяющее одно событие от другого)* пеш, пеш аз; **за час до отхода поезда** як соат пеш аз рафтаии поезд; за **несколько дней до поездки** якчанд руз пеш аз сафар 5. *с вин. (указывает на превышение предела, меры)* аз; **уже за полночь** шаб аз нисф гузаштааст; **ей далеко за сорок** синнаш аз чил кайҳо гузаштааст 6. *с вин. (по причине, вследствие чего-л.)* бинобар, ба сабаби..., барои..., ба хотири...; **благодарить за услугу** барои хизмат миннатдорӣ кардан; **наказать за шалость** барои шухӣ ҷазо додан; **за что?** барои чӣ?, ба чӣ сабаб?; **за что его не любят?** барои чӣ вайро нагз намебинанд?; **за что-то** ба сабабе, бинобар 7. *(во имя, ради, в пользу чего-л.)* ба, барои..., аз барои..., дар роҳи..., ба хотири; **отдать жизнь за Родину** барои Ватан ҷон супурдан; **бороться за мир** дар роҳи сулҳ мубориза бурдан; **голосовать за предложение** барои таклифе овоз додан; **поднять тост за чьё-л. здоровье** ба саломатии касе қадаҳ бардоштан // *в знач. нареч.* барои..., ба тарафдории...; **он голосовал за** вай ҳамчун тарафдор овоз додааст // *в знач. сказ. разг.* тарафдор; **все за, один ты против** ҳама тарафдору як худи ту зид // *в знач. сущ.* за *разг.* «тарафдор»; **подсчитать все «за»** ҳамаи «тарафдорҳо»-ро шумурдан 8. *с вин. (указывает на расстояние)* дар, то, дар масофаи...; **за десять километров от города** дар масофаи даҳ километр аз шаҳр; **за два шага от обрыва** ду қадам дуртар аз ҷарӣ 9. *с вин. (в обмен на что-л.)* ба бадали..., ба ивази...; ба, бе; **внести деньги за утерянную книгу** пули китоби гумшударо пардохтан; **уплатить за квартиру** пули квартираро додан // *(при обозначении цены)* ба, ба нархи...; **купить книгу за пять рублей** китобро ба нархи панҷ сум харидан; **за плату** ба (бо) музд, пулакӣ 10. *с вин. (вместо кого-л.)* ба ҷои..., ба ивази...; **он работает за мастера** вай ба ҷои усто кор мекунад; **расписаться за кого-л.** ба ҷои касе имзо кардан; **работать за двоих** кори ду касро кардан 11. *с вин. (указывает на лицо, предмет, на который направляется действие)* аз; **взять за руку** аз даст доштан; **держаться друг за друга** дасти якдигарро гирифтан; ба якдигар такья кардан; **дёрнуть за ручку двери** дастаки дарро якбора кашидан; **трава цепляется за платье** алаф ба курта мечаспад 12. *с вин. (с глаголами «отвечать», «ручаться» и т. п.)* барои..., ба; **отвечать за порядок** барои тартиб ҷавобгар будан; **ручаться за точность рассказа** ба дурустии ҳикоя зомин будан; **заступаться за кого-л.** тарафи касеро гирифтан 13. *с вин. (при обозначении лица, предмета, которые вызывают какое-л. чувство)* аз, аз барои..., аз ваҷҳи..., барои..., ба ҷои...; **мне стыдно за него** аз барои вай хиҷолат мекашам; **краснеть за кого-л.** ба ҷои касе сурх шудан 14. *с вин. (с глаголами «выйти», «выдать», «сватать»)* ба; **выйти замуж за кого-л.** ба касе ба шавҳар баромадан 15. *с вин. разг. (в качестве кого-чего-л.)* ҳамчун; **признать за правило** ҳамчун қоида қабул кардан; **считать за честь** шарафманд будан; **он слывёт за остряка** у ба теззабонӣ ном баровардааст 16. *с тв. (указывает на предмет, место, позади которого происходит действие)* дар он тарафи...; дар пушти..., берун аз, дар паси...; **жить за городом** берун аз шаҳр зистан; **стоять за дверью** дар пушти дар истодан; **за окном** дар паси тиреза; **за горами** дар паси кӯҳҳо; **за рекой** дар он тарафи дарьё // *(под, внутри чего-л., за чем-л.)* аз таги..., аз зери..., ба даруни..., ба паси...; **держать за пазухой** дар зери бағал доштан; **солнце скрылось за тучами** офтоб дар паси абрҳо пинҳон шуд 17. *с тв. (указывает на предмет, орудие, средство действия, чаще с гл. «сидеть», «стоять» и т. п.)* ба назди..., ба сари..., дар сари..., дар паҳлуи..., дар пеши...; **сидеть за столом** ба сари миз нишастан; **сидеть за рулём** дар сари руль нишастан; **сидеть за книгой** китоб хондан; **за работой время прошло незаметно** дар сари кор вақт номаълум гузашт 18. *с тв. (при обозначении движения, следования за кем-чем-л.)* аз паси..., аз паи..., аз қафои..., аз ақиби..., аз дунболи...; **идти [вслед] за кем-л.** аз дунболи касе рафтан; **следуйте за мной!** аз паси ман биёед!; **гнаться за зайцем** харгушро дунболагирӣ кардан 19. *с тв. (во время какого-л. занятия)* дар аснои..., дар вақти..., ҳангоми...; **читать за обедом** дар аснои хӯрок китоб хондан 20. *с тв. (после, вслед за кем-чем-л.)* баъди..., пас аз; **за дождливой весной наступило жаркое лето** баъди баҳори сербориш тобистони гарм омад // *(вслед, чередуясь)* аз паси..., паи ҳам; **читать книгу за книгой** паи ҳам китоб хондан; **шаг за шагом** қадам ба қадам; **один за другим** яке аз паси дигаре; **день за днём** руз ба руз 21. *с тв. (по причине, из-за)* аз сабаби..., бинобар; **за шумом никто её не расслышал** аз сабаби ғалоғула гапашро ҳеҷ кас нашунид; **за истечением срока** бинобар тамом шудани муҳлат; **за неимением свободного времени** бинобар набудани вақти холӣ; **за ненадобностью** бинобар даркор набудан; **за отсутствием улик** аз сабаби набудани далел 22. *с тв. (с какой-л. целью)* барои..., ба мақсади..., ба; **пойти за водой** барои об рафтан; **послать за врачом** ба духтур кас фиристодан; **занимать очередь за билетами** барои билет навбат гирифтан 23. *с тв. (указывает на лицо, предмет, который является объектом ухода, надзора, наблюдения)* ба; **смотреть за детьми** ба бачаҳо нигоҳубин кардан; **ухаживать за больными** ба беморон нигоҳубин кардан; **следить за чистотой** ба тозагӣ назорат кардан 24. *с тв. (указывает на лицо, предмет, от которого зависит наступление какого-л. действия)* ба сабаби..., сабаби...; **задержка за утверждением проекта** сабаб ин аст, ки лоиҳа ҳануз тасдиқ нашудааст; **очередь за мной** навбати ман; **за вами долг** ба гардани шумо қарз ҳаст 25. *с тв. (указывает на лицо, предмет, которому присущи те или иные свойства)*: **замечать за кем-л. недостатки** камбудиҳои касеро пай бурдан 26. *с тв. (в значении предлога «с»)* бо; **приказ за подписью директора** фармон бо имзои директор; **дело за номером два** делаи (кори) рақами ду 27. *с тв. (с гл. «свататься»)* ба; **свататься за дочь соседа** ба духтари ҳамсоя хостгор шудан // *(чаще со сл. «замужем»)*: **быть замужем за кем-л.** зани касе будан

за- *приставка префиксе, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1. 1) *ибтидои амал:* **зааплодировать** ба чапакзанӣ сар кардан; **заплакать** ба гирья даромадан; **забегать** ба давутоз даромадан 2) *итмоми амал:* **заасфальтировать** асфальтфарш карда шудан 3) *бо ҳиссачаи «-ся» ё бе он — ба ҳадди охир расондани амал; аз ҳад зиёд кардани коре:* **заглядеться** чашм духта мондан, чашм канда натавонистан; **заработаться** бисьёр кор карда монда шудан; **задарить** туҳфаборон кардан; **закормить** хуб сер кардан 4) *равона шудани амал ба он тарафи предмет ва ё берун аз ҳудуди чизе:* **зайти за дерево** ба паси дарахт гузаштан; **завернуть за угол** ба хамгашти кӯча тоб хурдан 5) *зимнан иҷрошаванда будани амал:* **забежать** сари роҳ даромадан; **занести** дароварда додан 2. *дар сифатсозӣ ва исмсозӣ маънои дар беруни чизе буданро ифода мекунад:* **загородный** беруни шаҳр, берунишаҳрӣ; **зарубежный** хориҷӣ; **заречье** он тарафи дарьё

заавансировать *сов. что* байъона (аванс) додан; ~ **заказы** байъонаи (аванси) заказҳоро додан

заактировать *сов. что* ба акт даровардан; акт мондан (кардан, навиштан); ~ **происшествие** дар бораи ходиса акт навиштан

заалé||ть *сов.* 1. *(начать алеть)* сурх (гулгун) шудан гирифтан, ба сурхшавӣ сар кардан (даромадан) 2. *(показаться — об алом)* сурх (сурхча) намудан, алвон тофтан; **в листве** ~**ли гроздья рябины** аз байни баргҳо хушаҳои сурхи рябина метофтанд

заалеться *сов. см.* **заалéть**

зааплодировать *сов.* ба чапакзанӣ даромадан, ба кафкубӣ сар кардан

заарендова́ть *сов. что* ба иҷора гирифтан

зааре́ндовывать *несов. см.* **заарендовать**

заарестова́ть *сов. кого-что прост.* ҳабс кардан, ба ҳабс гирифтан

зааресто́вывать *несов. см.* **заарестова́ть**

заарка́нивать *несов. см.* **заарканить**

заарка́нить *сов. кого* 1. каманд андохтан, бо каманд овардан; гирифтан; ~ **лошадь** аспро каманд андохта овардан 2. *перен. прост. (захватить, заполучить)* зер карда гирифтан, ғасб кардан

заарта́читься *сов. разг.* 1. *(о животном)* бадкашӣ (ҳаринагӣ) кардан 2. *(о человеке)* гардантобӣ (инод, гардангафсӣ) кардан

заасфальти́ровать *сов. что* асфальтфарш кардан, асфальт рехтан; ~ **улицы го́рода** кӯчаҳои шаҳрро асфальтфарш кардан

заатланти́ческ||**ий**, -ая, -ое ...и он тарафи уқьёнуси Атлантик; ~**ие стра́ны** мамлакатҳои он тарафи уқьёнуси Атлантик

заа́хать *сов. разг. (от удивления)* ба оҳу воҳ сар кардан; *(от восхищения)* ба бай-бай (ба ҳай-ҳай) даромадан

заба́в||**а** *ж* 1. *(игра, развлечение)* дилхушӣ, бозӣ, шухӣ; **де́тские и́гры и** ~**ы** бозию шухиҳои бачагона; **ра́ди** ~**ы** барои дилхушӣ 2. *(несерьёзное занятие)* сокулӣ, андармонӣ, эрмак; **пуста́я** ~**а** андармонии беҳора

забавля́||**ть** *несов. кого-что (развлекать)* сокул (андармон) кардан; ~**ть дете́й** бачагонро андармон кардан // *(смешить, веселить)* вактчоқ кардан, хандондан; **меня́** ~**ют его́ стра́нные мане́ры** рафтору кирдорҳои ғалатии вай хандаи маро меоваранд

забавля́ться *несов. чем и без доп.* дилхушӣ кардан, андармон шудан; ~ **и́грами** бо бозӣ андармон шудан

заба́вник *м разг.* ширинкор, шӯх

заба́вница *женск. к* **заба́вник**

заба́вно 1. *нареч.* аҷоиб, ғалатӣ; **он** ~ **расска́зывает** вай галатӣ нақл мекунад 2. *в знач. сказ. кому* ғалатӣ (аҷиб) аст; **мне** ~ **э́то слы́шать** ин гап ба ман ғалатӣ менамояд

заба́вность *ж* ғалатӣ (аҷиб) будан(и)

заба́вный, -ая, -ое (забав|ен, -на, -но) хандаовар; аҷиб, ғалатӣ; ~ **слу́чай** воқеаи аҷиб; ~ **челове́к** одами ғалатӣ

заба́гривать *несов. см.* **заба́грить**

заба́гриваться *несов. страд.* бо чангак кашида гирифта шудан

забагрить *сов. что* бо чангак кашида гирифтан; ~ **бревно́** ғулачӯбро бо чангак кашидан

забалластировать *сов. что ж.-д.* шағал рехтан *(ба пуштаи роҳи оҳан)*

забаллотировать *сов. кого-что* интихоб накардан, ғалтондан

забаллотиро́вывать *несов. см.* **забаллоти́ровать**

забалова́ть *сов. кого прост.* нозпарвард кардан, ёзондан, эрка кардан

забалтывать *несов. см.* **заболтать** I

забалтываться I *несов. см.* **заболтаться** I

забалтываться II *несов. страд.* ҷунбонда (таконда) шудан, омехта шудан

забараба́ни||**ть** *сов.* ба нақоразанӣ (ба таблзанӣ) сар кардан, ба нақоразанӣ даромадан; задан гирифтан; **дождь** ~**л по кры́ше** борон ба бом [нақоравор] задан гирифт; ~**ть па́льцами по столу́** ангушт ба руи миз нақоравор задан гирифтан; **кто́-то** ~**л в дверь** касе дарро сахт куфт

забаррикади́ровать *сов. что* баррикада (сангар) сохтан, танба кардан; ~ **дверь** дарро танба кардан

забаррикади́роваться *сов.* баррикада (сангар) сохта пинҳон шудан

забаси́ть *сов. разг.* бо овози ғафс ба гапзанӣ даромадан, бо овози бам ба сурудхонӣ даромадан

забастова́ть *сов.* 1. *(объявить забастовку)* корпартоӣ кардан 2. *разг. (перестать делать что-л.)* даст кашидан, бас кардан

забасто́вк||**а** *ж* корпартоӣ; **объяви́ть** ~**у** корпартоӣ эълон кардан ◇ **италья́нская** ~**а** корпартоии итальянӣ

забасто́вочн||**ый**, -ая, -ое ...и корпартоӣ; ~**ое движе́ние** ҳаракати корпартоӣ; ~**ый комите́т** комитети корпартоён

забасто́вщик *м* корпарто, корпартоянда

забве́ни||**е** *с* 1. *уст. и высок.* фаромушӣ, фаромуш кардан(и), фаромушкунӣ, аз хотирбарорӣ; ~**е до́лга** фаромӯш кардани вазифа 2. *уст. (забытьё)* беҳушӣ, азҳушравӣ ◇ **река** ~**я** *уст. поэт.* дарьёи фаромӯшӣ *(дар асотири юнонӣ дарьёи олами зеризамини — Лета, ки мурдагон оби онро хурда гузаштаи худро фаромуш мекардаанд)*; **иска́ть** ~**я в чём-л.** ба коре машғул шуда ғаму ғуссаро фаромуш кардан; **преда́ть** ~**ю** ба боди фаромушӣ додан

забе́г *м* 1. *разг. см.* **забега́ние**; 2. *спорт.* дав, давиш, давидан(и); ~ **на ты́сячу ме́тров** давиши ҳазорметра

забега́ловка *ж прост.* дукончаи майфурушӣ

забега́ние *с (по знач. гл.* **забежа́ть**) тохта даромадан(и); пеш гузаштан(и) ◇ ~ **вперёд** шитобкорӣ

забе́гать *сов.* ба давутоз даромадан

забега́ть *несов. см.* **забежать**

забе́гаться *сов. разг.* аз даводавии бисьёр шалпар (монда) шудан

забежа́||**ть** *сов.* 1. тохта даромадан; **во двор** ~**ли ребя́та** бачаҳо ба руи ҳавлӣ тохта даромадаанд // *разг. (зайти мимоходом)* як сари қадам даромадан, болои роҳ сар халондан; ~**ть к това́рищу на мину́тку** ба пеши рафики худ як сари кадам даромадан 2. *(скрыться, убежать далеко)* ба ҷои дур тохта рафтан; нопадид шудан; **де́ти** ~**ли далеко́ в лес** бачаҳо тохта ба даруни ҷангал даромада рафтанд 3. *(зайти со стороны)* тохта даромадан; ~**ть сбо́ку** аз канор тохта даромадан ◇ ~**ть вперёд** 1) кореро бармаҳал кардан, саросемагӣ кардан 2) *уст.* пешдастӣ кардан

забеле́||**ть** *сов.* 1. *(начать белеть)* сафед шудан; **вы́пал снег, и го́ры** ~**ли от сне́га** барф бориду кӯҳҳо сафед шуданд 2. *(показаться — о белом)* сафед (хира) тофтан; **на холме́ сму́тно** ~**ли дома́ посёлка** дар болои теппа хонаҳои деҳа хира метофтанд; **на восто́ке** ~**ло, бли́зился рассве́т** тарафи шарқ сафед шуд, субҳ медамид

забеле́ться *сов. см.* **забеле́ть**

забе́ливание *с (по знач. гл.* **забели́ть**) сафед кардан(и); сафедтоб кардан(и); ~ **пя́тен** сафед кардани доғҳо

забе́ливать *несов. см.* **забели́ть**

забели́ть *сов. что* 1. сафед кардан; ~ **сте́ны и́звестью** деворҳоро бо оҳак сафед кардан 2. *разг.* андак шир (қаймоқ) андохтан; ~ **чай молоко́м** ба чой андак шир андохтан; ~ **борщ смета́ной** ба карамшурбо андак қаймоқ андохтан

забе́лка *ж разг.* 1. *см.* **забе́ливание**; 2. шир, қаймоқ

забеля́ть *несов. уст. см.* **забели́ть**

за́береги *мн. (ед.* **за́берег** *м) обл.* 1. *(полоса льда у берега)* яхи соҳил 2. *(полынья у берега)* ҷои яхнабаста *(дар наздикии соҳил)*

забере́менеть *сов.* ҳомила (дуҷон) шудан

забесе́доваться *сов. разг.* ба гап андармон шуда мондан

забеспоко́н||**ть** *сов. кого разг.* ба ташвиш андохтан; **э́то мно́гих** ~**ло** ин бисьёр касонро ба ташвиш андохт

забеспоко́иться *сов.* бетоқат (нороҳат, беором) шудан, ба ташвиш афтодан

забетони́ровать *сов. что* бетонкорӣ кардан; ~ **тунне́ль** нақбро бетонкорӣ кардан

забива́ние *с (по знач. гл.* **заби́ть** I) зада даровардан(и), задан(и); маҳкам кардан(и); ~ **свай** зада даровардани пояҳо; ~ **гвозде́й** мехзанӣ

забива́ть *несов. см.* **заби́ть** I

забива́ться *несов.* 1. *см.* **заби́ться** I; 2. *страд.* зада даროварда шудан; маҳкам карда шудан

заби́вка *ж см.* **забива́ние**

забинтова́ть *сов. кого-что* докапеч кардан, дока бастан; ~ **ру́ку** дастро докапеч кардан

забинтова́ться *сов.* худро докапеч кардан

забинто́вывать *несов. см.* **забинтова́ть**

забинто́вываться *несов.* 1. *см.* **забинтова́ться**; 2. *страд.* докапеч карда шудан

забира́||**ть** *несов.* 1. *см.* **забра́ть**; 2. *что и без доп. уст. (постоянно покупать где-л.; покупать в долг)* насья харидан; ~**ть на кни́жку (по кни́жке)** насья харида қайд кунондан (қарзро ба дафтарча нависондан) 3. *разг.* таъсир кардан; **хо́лод** ~**ет** хунукӣ таъсир мекунад

забира́ться *несов.* 1. *см.* **забра́ться**; 2. *страд.* гирифта шудан; кашида гирифта шудан

забитость *ж* ҳақирӣ, оҷизӣ

забитый, -ая, -ое 1. *прич.* задашуда, куфташуда; маҳкам кардашуда; пуршуда 2. *прил.* ҳақир, оҷиз; ~ **человек** одами ҳақир

забить I *сов.* 1. *что* зада даровардан, куфтан, задан; ~ **гвоздь в стену** ба девор мех задан; ~ **сваю** поя задан // *спорт.* задан; ~ **мяч в ворота противника** ба дарвозаи ҳариф туб задан 2. *что* тахтабанд кардан; ~ **окно досками** тирезаҳоро тахтабанд кардан 3. *что (заткнуть)* маҳкам кардан, тиққондан; ~ **щели паклей** ба тарқишҳо лос тиққондан // *(засорить, закупорить)* маҳкам кардан, пахш кардан; **песок забил трубу** қубурро рег пахш кардааст // *(заполнить до отказа)* пур кардан; ~ **сарай дровами** ҳезумхонаро пури ҳезум кардан; **железнодорожная станция была забита товарными составами** станцияи роҳи оҳан аз поездҳои боркаш пур буд 4. *кого (замучить побоями)* зада азоб додан // *перен. (довести до отупения, запугать)* зада-зада карахт кардан 5. *что (заглушить — о растениях)* пахш (зер) кардан; **сорняки забили всходы пшеницы** алафҳои бегона майсаи гандумро пахш карданд 6. *кого-что перен. разг.* бартарӣ доштан, сар баровардан; **он всех забил своими знаниями** дониши вай афзалияти комил дошт 7. *кого-что (убить на охоте, бойне)* куштан, задан; ~ **десять голов скота** даҳ сар мол куштан ◇ ~ **голову** *чем* майна гиҷ кардан; **голова забита** *у кого чем* майна гиҷ шуд; ~ **себе в голову** санги ман сад ман гуфтан, гап гапи ман гуфта истодан

заби||ть II *сов.* 1. задан (куфтан) гирифтан, куфтанро сар кардан; **лошадь ~ла копытами** асп по куфтан гирифт // *(застучать)* задан (тақ-тақ кардан) гирифтан; **дождь ~л в окна** борон ба тирезаҳо задан гирифт 2. *(об орудиях и т. п.)* ба парронидан сар кардан; **~ли пушки** тупҳо ба парронидан сар карданд // *(дать сигнал ударами)* задан гирифтан; **~ли барабаны** нақоразанӣ сар шуд; **~ли тревогу** бонги хатар заданд // *(о часах)* занг задан гирифтан 3. *(о жидкости)* фаввора зада баромадан; **из скважины ~ла нефть** аз чоҳ нафт фаввора зада баромад 4. *кого* гирифтан; **его ~ла дрожь** уро ларза гирифт ◇ ~ **козла** *прост.* доминобозӣ кардан

заби||ться I *сов.* 1. *разг.* руст (пинҳон) шудан; **~ться в угол** ба гушае пинҳон шудан 2. пур (банд) шудан; **труба ~лась песком и илом** қубур аз регу лойқа пур шуд

заби||ться II *сов.* 1. *(начать биться)* ба задан даромадан, задан гирифтан; **поднялся ветер, волны ~лись о берег** шамол хест, мавҷҳо ба соҳил задан гирифтанд 2. *(заметаться)* дасту по задан; ба ҷунбиш даромадан; **больной ~лся в припадке** касал аз шиддати дард дасту по мезад 3. *(о сердце, пульсе и т. п.)* ба тапиш даромадан; **у неё от волнения сильно ~лось сердце** дили вай аз ҳаяҷон ба тапиш даромад

забияка *м, ж разг.* ҷангара, ҷанҷолӣ, арбадаҷу

заблаговременно *нареч.* пешакӣ, бармаҳал, сари вақт; пештар; **известить** ~ пешакӣ хабар додан

заблаговременный, -ая, -ое пешакӣ, бармаҳал

заблагорассудить *сов. уст.* лозим шумурдан, муносиб донистан

заблагорассудит||ься *сов. безл.* муносиб дидан, ба хаёл расидан, дил хостан; **он делает всё, что ему ~ся** вай ҳар чӣ, ки ба хаёлаш расад, ҳамонро кардан мегирад

заблагоуха||ть *сов.* бӯи хуш омадан, муаттар шудан; **прошёл дождь, и всё вокруг ~ло** борон монд ва атроф ҳама муаттар шуд

заблажить *сов. прост.* ба худсарӣ (ҷиннигӣ, аҳмақӣ) сар кардан

заблесте||ть *сов.* 1. *(начать блестеть)* дурахшидан гирифтан; **его глаза весело ~ли** чашмҳои вай аз хурсандӣ дурахшиданд // *(стать блестящим)* дурахшон шудан 2. *(показаться)* ҷило додан, ялаққос задан; **нуқрафом тофтан; вдали ~ла река** аз дур дарьё нуқраворам тофт

заблеять *сов.* ба маъосзанӣ сар кардан

заблистать *сов. см.* **заблестеть**

заблудиться *сов.* роҳ гум кардан, гумроҳ шудан; ~ **в лесу** дар ҷангал роҳ гум кардан ◇ ~ **в трёх соснах** гаранг шуда мондан, сари калоба гум кардан

заблудш||ий, -ая, -ее *уст.* роҳгумкарда, бероҳшуда // *перен.* азроҳбаромада, роҳгумкарда; сарсоншуда ◇ **~ая овца (овечка)** сарсону саргардон; овора ду ҷаҳон

заблужда||ться *несов.* хато кардан (рафтан), гумроҳ шудан; **вы ~етесь относительно его (на его счёт)** фикри шумо дар ҳаққи у хатост

заблуждени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **заблуждаться)** хато, иштибоҳ, гумроҳӣ, ғалат, саҳв; **быть в ~и** дар иштибоҳ будан; **впасть в ~е** ба иштибоҳ афтодан; **ввести в ~е** гумроҳ кардан, ба иштибоҳ андохтан 2. фикри хато; **вредное ~е** хатои зарарнок, иштибоҳи музир

забода||ть *сов. кого-что* шох задан, шох зада куштан (маҷруҳ кардан); **его ~ла корова** уро гов шох зад

забой I *м горн.* забой *(ҷои ковиши маъдан, ангиштсанг ва ғ.)*

забой II *м* 1. *(по знач. гл.* **забить** I 7) молкушӣ 2. *(количество забитого скота)* миқдори моли кушташуда 3. *(у лошади)* чалишпо *(нуқсони асп, ки ҳангоми гаштан як пояш ба пои дигараш мерасад)*

забойн||ый I, -ая, -ое *горн.* ...и забой; **~ое крепление** танбаи забой; **~ые механизмы шахты** механизмҳои забои шахта

забойный II, -ая, -ое ...и молкушӣ; ~ **пункт мясокомбината** кушишхонаи комбинати гушт

забойщик *м горн.* маъданкан, ангишткан, конкан

забойщицкий, -ая, -ое *горн.* ...и конкан; ~ **обушок** зоғнули конкан

заболачивание *с (по знач. гл.* **заболотить)** ботлоқ (шитта) кардан(и); *(по знач. гл.* **заболотиться)** ботлоқшавӣ, шитташавӣ; ~ **земель** ботлоқшавии замин

заболачивать *несов. см.* **заболотить**

заболачиваться *несов.* 1. *см.* **заболотиться**; 2. *страд.* ботлоқ карда шудан

заболеваемост||ь *ж* беморӣ, касалшавӣ; **детская ~ь** касалшавии бачагон; **снижение ~и** камшавии беморӣ, камшавии адади беморон

заболевани||е *с* беморӣ, дард, касалӣ; **инфекционное ~е** касалии сирояткунанда; **онкологические ~я** касалиҳои саратон; **профессиональное ~е** касалии махсуси касб; **предупредить ~е** бемориро пешгирӣ кардан

заболевать I, II *несов. см.* **заболеть** I, II

заболеть I *сов. чем и без доп. (стать больным)* бемор (касал, нотоб, дардманд) шудан, ба дарде гирифтор шудан; ~ **ангиной** дарди гулу шудан

заболе||ть II *сов.* 1. *(начать болеть)* ба дард даромадан; **у меня ~ла голова** сарам дард кард 2. *кем-чем разг. (увлечься)* дода шудан, саргарм шудан

заболотить *сов. что* ботлоқ (шитта) кардан

заболоти||ться *сов.* ботлоқ (шитта) шудан; **почва ~лась** замин шитта шуд

заболоченность *ж* ботлоқшавӣ, ботлоқ шудан(и), шитта будан(и); ~ **местности** ботлоқ будани маҳал

заболоченн||ый, -ая, -ое ботлоқдор, ботлоқӣ, серботлоқ; **~ый луг** маргзори ботлоқдор; **~ое место** ботлоқзор

заболтать I *сов. что прост. (замешать)* омехтан, аралаш кардан, омехта тайёр кардан; ~ **пойло для коров** барои гов тарит тайёр кардан; ~ **тесто для блинов** барои қуймоқ хамир тайёр кардан

заболта||ть II *сов. разг.* 1. *чем (начать двигать)* ба ҷунбондан сар кардан, ҷунбондан гирифтан 2. *безл. кого-что* бардорузан кунондан, алвонҷ хӯрдан гирифтан; **поднялся ветер, и лодку ~ло** шамол хесту қаиқ алвонҷ хурдан гирифт

заболтать III *сов. разг. (начать говорить)* лаққидан гирифтан

заболта||ться I *сов. разг. (увлечься болтовнёй)* бисьёр гап задан (лаққидан), лаққида мондан

заболта||ться II *сов. разг. (из стороны в сторону)* ҷунбидан гирифтан; ба лаппиш даромадан

забор I *м* девор; **дощатый** ~ девори тахтагин; **каменный** ~ сангдевор; **обнести ~ом** девор гирифтан, тавора кашидан

забор II *м (по знач. гл.* **забрать** 2) сарф; гирифтан(и); ~ **воды** сарфи об

забораживать *несов. см.* **заборонить**

заборанниваться *несов. страд.* мола карда шудан

забористо *нареч. прост.* 1. *(едко, крепко)* сахт, баланд, тунд 2. *перен.* *(бойко, захватывающе)* шавқовар

забористость *ж* баланди, тундӣ, тезӣ, талхӣ; ~ **табака** баландии тамоку

забórист||ый, -ая, -ое (заборист, -а, -о) *прост.* 1. баланд, тунд, тез, зӯр; ~**ое вино** шароби зӯр; ~**ый табак** тамокуи баланд 2. *перен.* шавқовар, дилкаш: ~**ая песня** суруди шавқовар 3. *перен.* сахт, дағал, дурушт, қабеҳ; ~**ый анекдот** латифаи қабеҳ; ~**ая рӯгань** дашномн сахт

заборка *ж обл. (перегородка)* миёнадевор, тавора

забормотать *сов. что и без доп.* ба ғур-ғур даромадан

забóрн||ый I, -ая, -ое 1. ...и девор; ~**ый столб** сутуни девор 2. *перен. разг.* *(неприличный, грубый)* ношоиста, дағал, қабеҳ; ~**ая брань (рӯгань)** дашноми қабеҳ

забóрн||ый II, -ая, -ое: ~**ая книжка** *уст.* дафтарчаи ҳисоби насья, дафтари сабти қарз

заборонить *сов. что с.-х.* мола (сихмола) карда баромадан; ~ **зябь** шудгори тирамоҳиро сихмола карда баромадан

забороновать *см.* **заборонить**

забóт||а *ж* 1. ғам, ташвиш; ~**ы о бӯдущем** ғами оянда; **жить без забот** бепарво зиндагӣ кардан; **хозяйственные** ~**ы** ташвиши рӯзгор; **у него нет никаких забот** у ҳеҷ ғаму ташвиш надорад 2. ғамхорӣ, ҷонсӯзӣ, дилсӯзӣ; ~**а о человеке** ғамхорӣ дар ҳаққи одам; **окружить** ~**ой** ғамхорӣ кардан; **проявить** ~**у** ғамхорӣ кардан 3. тараддуд, ташвиш, кор; **первой** ~**ой его было устрóиться на ночлег** аввалин кори ӯ ёфтани ҷои хоб буд; **это моя** ~**а** ин кори ман аст; **это не моя (не твоя, не его** *и т. д.*) ~**а** ин кори ман (ту, вай *ва ғ.*) нест ◇ **и** ~**ы мало** *кому* ҳеҷ парво надорад; **не было** ~**ы!** бе дарди сари нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам

забóти||ть *несов. кого-что* ташвиш додан, ба ташвиш андохтан, нотинҷ кардан; **его очень** ~**т болезнь сына** касалии писараш вайро бисьёр ба ташвиш меандозад

заботиться *несов. о ком-чём* ғам хурдан, ғамхорӣ кардан, ташвиш кашидан, бесаришта шудан; ~ **о детях** ғами бачаҳоро хӯрдан, ~ **о родителях** ба волидайн (падару модар) ғамхорӣ кардан; ~ **о своём здорóвье** аз паи саломатии худ шудан

забóтливо *нареч.* ғамхорона, бо дилсӯзӣ, бо ҷонсӯзӣ; ~ **растить молодые кáдры** кадрҳои ҷавонро ғамхорона ба воя расондан

забóтливость *ж* ғамхорӣ, дилсӯзӣ

забóтлив||ый, -ая, -ое (заботлив, -а, -о) ғамхор(она), дилсӯз(она); эҳтиёткор(она); ~**ая мать** модари дилсӯз; ~**ый взгляд** нигоҳи ғамхорона; ~**ое отношéние** муносибати ғамхорона // *(старательный)* боғайрат: ~**ая хозяйка** соҳибхонаи бадастуно

забоя́ться *сов. кого-чего и с неопр. прост.* тарсидан, тарсида мондан, ҳаросидан

забраковáть *сов. кого-что* брак (сақат) кардан, иллатнок донистан

забракóвывать *несов. см.* **забраковать**

забракóвываться *несов. страд.* брак (сақат) карда шудан

забрало *с ист.* руйпуши тоскулоҳ ◇ **с открытым (поднятым)** ~**м** кушоду равшан, руйрост

забранить *сов. кого-что разг.* дашном додан, ҳақорат кардан

забраниться *сов.* ҳақорат (ба дашномдиҳӣ) сар кардан

забрасывание I *с (по знач. гл.* **забросать** I) пошидан(и); [рехта] пур кардан(и): ~ **ямы землёй** бо хок пур кардани чуқурӣ

забрáсывание II *с (по знач. гл.* **забросить**) андохтан(и), партофтан(и); расондан(и); ~ **сети в реку** ба дарьё андохтани тур

забрáсывать I *несов. см.* **забросать** I

забрáсывать II *несов. см.* **забрóсить**

забрáсываться I *несов. страд.* пошида шудан; рехта пур карда шудан

забрáсываться II *несов. страд.* андохта (партофта) шудан

забрáть *сов.* 1. *что* гирифтан; ~ **в горсть орéхи** як каф чормағз гирифтан // *уст. (взять взаймы)* қарз гирифтан 2. *кого-что* бо худ гирифтан, гирифта бурдан; ~ **свой вéщи** чизҳои худро гирифта бурдан; ~ **детей в дерéвню** бачаҳоро ба деҳа гирифта бурдан 3. *кого-что разг.* соҳиби кардан, ба даст даровардан, кашида гирифтан; зер карда гирифтан, фатҳ кардан; ~ **крéпость** қалъаро фатҳ кардан; // ~ **в плен** асир гирифтан; ~ **в солдаты** ба аскарӣ гирифтан 4. *(арестовать)* ҳабс кардан, ба ҳабс гирифтан, банди кардан 5. *кого-что перен. разг.* фаро гирифтан, зер кардан, мондан: **страх забрал** ваҳм зер кард; **меня́ жалость забралá** раҳмам омад; **тоска забрала** ғаму ғусса зер кард 6. что гирифтан, гузарондан, раво дидан; ~ **власть над кéм-л.** ҳукми худро ба касе гузарондан 7. *что* гирифтан, ба дарун андохтан; ~ **волосы под платок** мӯйро ба зери рӯймол гирифтан 8. *что* тангтар дастболо шудан; ғолиб омадан; ~ **голыми рукáми** *кого-что* осон комьёб шудан; ~ **себе в голову** санги ман сад ман гуфтан, гап гапи ман гуфтан; ~ **сúлу** нуфуз ёфтан; ~ **в [свои] руки** ба даст гирифтан, мутеъ кардан; ~ **за живое** ба ҳаяҷон овардан

забрáться *сов.* 1. *на что* баромадан, боло баромадан, хазида баромадан; ~ **на дéрево** ба дарахт хазида баромадан; ~ **на крышу** болои бом баромадан // *во что* даромадан, фуромадан // *подо что* даромадан; ~ **под одеяло [ба]** таги кӯрпа даромадан 2. *(о холоде, ветре и т. п.)* гузаштан, даромадан 3. [пинҳонӣ] даромадан; **воры забрались в комнату чéрез окнó** дуздон аз тиреза ба хона даромаданд 4. ба ҷои дур рафта мондан, даромада рафтан; ~ **в сáмую глушь лéса** ба даруни бешазор даромада рафтан 5. ғайб задан, пинҳон шудан; **куда бы она могла** ~**?** вай ба куҷо ғайб зада бошад?

забредáть *несов. см.* **забрести**

забрéзжи||ть *сов.* дамидан, равшан шудан; ~**л рассвéт** субҳ дамид; **едва** ~**ло, мы отпрáвились в путь** субҳ дамида-надамида мо ба роҳ даромадем

забрéзжи||ться *сов. см.* **забрéзжить**; ~**лось ӯтро** субҳ дамид

забренчáть *сов. разг.* 1. *(начать бренчать)* ба диринг-диринг даромадан 2. *что на чём* ба диринг-диринг сар кардан *(ба олати мусиқӣ)*

забрести *сов. разг.* 1. даромада мондан, нохост даромада мондан; ~ **на огонёк** равшании чароғро дида даромадан 2. дур рафта мондан; ~ **в чáщу лéса** ба даруни ҷангал даромада рафтан

забривáть *несов. см.* **забрить**

забрить *сов. кого уст. (взять в солдаты)* ба аскарӣ гирифтан ◇ ~ **лоб** *кому уст.* ба аскарӣ гирифтан

забродú||ть I *сов.* 1. *(начать двигаться)* гаштан гирифтан, ба ҳаракат (ба сайр) даромадан; **на нéбе** ~**ли тӯчки** дар осмон абрҳо ба сайр даромаданд 2. *перен. (о мыслях, улыбке и т. п.)* пайдо шудан, омадан

забродú||ть II *сов. (о вине, дрожжах и т. п.)* ба ҷӯш омадан, ба туршшави сар кардан; **винó** ~**ло** май ба ҷӯш омад

забронúрованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* брон кардашуда 2. *прил.* броншуда, брондор: ~**ое место** ҷои броншуда

забронирóванный, -ая, -ое 1. *прич.* зиреҳпуш кардашуда 2. *прил.* зиреҳдор, зиреҳпуш; ~ **блиндаж** истеҳкоми зиреҳпуш

забронировать *сов. кого-что* брон карда мондан, ҷудо карда мондан; ~ **место в пóезде** дар поезд ҷой брон кардан

забронировать *сов. что* зиреҳпуш кардан; ~ **пáлубу корабля** саҳни киштиро зиреҳ кардан

забронироваться *сов.* 1. зиреҳ пушидан 2. *перен. разг.* худро эмин доштан, хатарро аз худ дур кардан

заброс *м (по знач. гл.* **забросить** 3) *разг.* партофта мондан(и) ◇ **в** ~**е** бе назорат, бе нигоҳубин, ба ҳоли худ мондан(и)

забросá||ть I *сов.* 1. *кого-что* партофтан, ҳаво додан, ғуррондан; **артистов** ~**ли цветáми** артистонро гулборон карданд 2. *перен.* ...борон кардан; ~**ть вопросами** саволборон кардан; **докладчика** ~**ли вопрóсами** маърӯзачиро саволборон карданд; ~**ть письмами** мактубборон кардан 3. *что* рехта пур кардан; ~**ть яму землёй** чуқуриро бо хок пур кардан ◇ ~**ть камнями (грязью)** когó-л. касеро бадном кардан, обрӯ касеро резондан

забросáть II *сов. разг.* *(начать бросать)* партофтан (андохтан) гирифтан

забросаться *сов. разг.* ба ҳамдигар андохтан гирифтан

забро́сить *сов.* 1. *кого-что* андохтан, партофтан, ҳаво додан; ~ **мяч в сетку** тубро ба тур партофтан; ~ **у́дочки в во́ду** шастро ба об андохтан // *что разг.* гум кардан, партофтан; **она забросила куда-то ключи и не может найти их** вай калидҳоро ба ким-куҷо партофтааст акнун ёфта наметавонад 2. *кого-что перен.* андохтан; **судьба забросила его на Кра́йний Се́вер** бо гардиши фалак у ба Шимоли Дур афтидааст 3. *что* андохтан, партофтан; ~ **но́гу на но́гу** пой болои пой гузоштан; ~ **ко́сы за спину** гесуро ба пушт партофтан 4. *кого-что* партофтан, партофта мондан, бас кардан, тарк кардан; ~ **му́зыку** мусиқиро тарк кардан 5. бепарво шудан, нигоҳубин накардан; ~ **детей** бачаҳоро бенигоҳубин мондан; ~ **хозяйство** хоҷагиро ба ҳоли худ гузоштан 6. *что разг. (доставить, завезти)* расондан, кашонда овардан ◇ ~ **у́дочку** гап партофта дидан, луқма партофтан

забро́шенность *ж* беназоратӣ, бепарасторӣ, бе парастор (бе нигоҳубин) мондан(и)

заброшенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* андохташуда 2. *прил.* беназорат, бепарастор, бенигоҳубин, партов, партофташуда; ~**ые зёмли** заминҳои партов; ~**ый сад** боғи бенигоҳубинмонда

забрызгать I *сов. кого-что* пошидан, чошидан, пош додан; ~ **платье грязью** куртаро лойолуд кардан; ~ **тетрадь чернилами** ба дафтар сиёҳӣ чараксондан

забрызгать II *сов. (начать брызгать)* ба обпошӣ (ба шакаробзанӣ, ба об пуфкунӣ) сар кардан

забрызгаться I *сов. (покрыться брызгами)* пошида шудан, чаракса кардан, ғолуд шудан; ~ **грязью** лойолуд шудан

забрызгаться II *сов. (начать брызгаться)* ба ҳамдигар обпошӣ кардан

забрызгивать *несов. см.* **забрызгать** I

забрызгиваться *несов.* 1. *см.* **забрызгаться** I; 2. *страд.* пошида шудан; ғолонда шудан

забрыкаться *сов.* ба лагадзанӣ сар кардан (даромадан)

забрюзжа́ть *сов.* ғур-ғур сар кардан, ба ғиинг-ғиинг даромадан

забрюхатеть *сов. прост.* буғуз шудан, дуҷон (ҳомила) шудан

забубённ||ый, -ая, -ое *прост. (лихой, удалой)* далер(она), часур(она), айёш(она), чапаннамо; ~**ый вид** киёфаи чапаннамо; ~**ая жизнь** зиндагии айёшона ◇ ~**ая голова** (**голо́вушка**) айёш, айёши бепарво

забубни́ть *сов. что и без доп. прост.* ғур-ғур даромадан

забуксировать *сов. кого-что* ядак кашидан, кашида бурдан (баровардан); ~ **ло́дку** қаиқро кашида бурдан

забуксова||ть *сов.* андармон шудан, [illegible]ч гирифтан; **маши́на** ~**ла** чархи [illegible]н дар ҷояш гаштан гирифт

забулдыга *м. прост.* бадмаст

забултыхаться *сов. прост.* шалаппас задан, шалап-шалап кардан; ~ **в воде** дар об шалаппас задан

забу́лькать *сов.* қул-қул кардан

забунтовать I *сов. что с.-х.* той бастан: ғарам кардан; ~ **хло́пок** пахтаро той бастан

забунтова́ть II *сов. (начать бунтовать)* исьён (балво) сар кардан, ошуб бардоштан

забуре́||ть *сов.* бур (сиёҳтоб) шудан; **трава́** ~**ла** алаф сиёҳтоб шудааст

забу́ривать *несов. см.* **забури́ть** I

забу́риваться *несов.* 1. *см.* **забури́ться**; 2. *страд.* парма карда шудан

забурить I *сов. что (пробурить)* парма кардан; ~ **сква́жину** чоҳ кандан; ~ **до́ску** тахтаро парма кардан

забурить II *сов. (начать бурить)* ба парма (пармакунӣ) сар кардан

забуриться *сов. горн.* 1. *(углубиться в грунт)* канда ба дарун рафтан, кофта ба таҳи замин даромадан 2. *(сойти с рельсов)* аз рельс баромадан

забурли́||ть *сов.* 1. ба ҷуш омадан; **в котелке́** ~**ла вода** оби дегча ба ҷуш омад // *перен. (о мыслях, чувствах и т. п.)* ба ҷушу хуруш омадан 2. *что* талотум кардан; ба талотум андохтан; **винт** ~**л во́ду** винт обро ба талотум андохт

забурчать *сов. разг.* ба ғур-ғур даромадан

забути́ть *сов. что стр.* сангкорӣ кардан, санг пур кардан; ~ **фунда́мент до́ма** таҳкурсии биноро сангкорӣ кардан

забу́тка *ж стр.* сангкорӣ

забуто́вка *ж см.* **забу́тка**

забу́ха||ть *сов. разг.* ба гумбуррросзанӣ сар кардан; ~**ли ору́дия** тупҳо ба гумбурросзанӣ сар карданд

забухать *несов. см.* **забу́хнуть**

забу́х||нуть *сов.* варамидан, варам кардан; **дверь** ~**ла от сы́рости** дар аз нами варам кард

забу́чивать *несов. см.* **забути́ть**

забушева||ть *сов.* 1. *(о ветре и т. п.)* ба ғуввос даромадан, ба талотум (ба талотуб) сар кардан; **ве́тер** ~**л** шамол ба ғуввос даромад; **пла́мя** ~**ло** оташ забона зад 2. ба ғазаб омадан, ғавғо бардоштан; **в его́ душе́** ~**ла я́рость** дар дили вай оташи ғазаб аланга зад

забуянить *сов. разг.* ҷанҷол сар кардан, гавғо бардоштан

забывание *с (по знач. гл.* **забыть**) фаромуш кардан(и), аз хотир (аз ёд) баровардан(и)

забывать *несов. см.* **забы́ть**

забыва́||ться *несов.* 1. *см.* **забыться**; **вы** ~**етесь!** шумо аз доираи одоб берун баромадаед! 2. фаромушхотир шудан, тираақл шудан; **дед от ста́рости стал** ~**ться** бобо аз пирӣ фаромушхотир шудааст 3. *страд.* фаромуш карда шудан

забывчивост||ь *ж* фаромушхотирӣ; **я по** ~**и оста́вил кни́гу до́ма** ман аз фаромушхотирӣ китобро дар хона монда омадаам

забывчивый, -ая, -ое (забывчив, -а, -о) 1. фаромушхотир, парешонхотир; ~ **челове́к** одами фаромушхотир 2. *уст. (вызывающий забытьё)* ҳушбар 3. *фольк. и обл. (легко забываемый)* зуд фаромушшаванда

забы́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* фаромушшуда, аз хотир баромада 2. *прил.* фаромушшуда, аз ёд баровардашуда, аз хотир баромада, фаромӯшшуда; ~**ое про́шлое** гузаштаи фаромушшуда; ~**ый худо́жник** рассоми гумном 3. *прил. (позабытый)* фаромушшуда

забы́ть *сов.* 1. *кого-что, о ком-чём* фаромуш кардан, аз хотир (аз ёд) баровардан; ~ **но́мер телефо́на** номери телефонро фаромуш кардан; ~ **о чьей-л. просьбе** илтимоси касеро фаромуш кардан; **забу́дем на́шу ссору!** биёед, моҷароямонро фаромуш кунем! // *с повел.* фикр накардан; **и ду́мать об э́том забу́дь!** инро ҳатто ба хаёлат ҳам набиёр! // *с союзом «что» или с неопр.* фаромуш кардан, аз хотир баровардан; **я забыл сказать, что вас ждут** ман фаромуш кардам бигуям, ки шуморо мунтазиранд // *что, о чём* фаромуш кардан; ~ **прили́чие** расму одобро фаромуш кардан; ~ **стыд** бешарм (беҳаё) шудан 2. *кого-что* фаромуш кардан, фаромуш карда мондан; ~ **кни́гу до́ма** китобро дар хона фаромуш кардан 3. *кого-что* фаромуш кардан, партофтан; ~ **свои́ обя́занности** вазифаҳои худро фаромуш кардан 4. *кого-что* фаромуш кардан, аз хотир (аз ёд) баровардан; **вы совсе́м нас забы́ли** шумо моро тамоман фаромуш кардед ◇ ~ **доро́гу** *к кому, куда* қадами худро кандан; ~ **себя** манфиати худро фаромуш кардан (риоя накардан); **забы́ть чью-л. хлеб-со́ль** нону намаки касеро фаромуш кардан, курнамакӣ кардан; **не** ~ 1) *кого (вознаградить)* некии касеро фаромуш накардан; сипосгузорӣ кардан; 2) *кому чего (не простить)* набахшидан, аз дил набаровардан; **я вам э́того никогда не забу́ду** ман ин гуноҳатонро ҳаргиз намебахшам; **что я (ты, он** *и т. д.*) **там (тут) забыл?** ман (ту, вай *ва ғ.*) дар он ҷо коре надорам (надорӣ, надорад *ва ғ.*)

забытьё *с* 1. беҳушӣ, бехудӣ, аз ҳуш рафтан(и); **больно́й впал в** ~ бемор аз ҳуш рафт 2. *(дремота)* пинак 3. *(глубокая задумчивость)* ба андеша фурӯравӣ, ба фикр ғаркшавӣ 4. *(сильное возбуждение)* ҳаяҷон, шур, ошуфтаҳолӣ

забы́||ться *сов.* 1. пинак рафтан; ~**ться сном** ба хоб рафтан, хобидан 2. беҳуш шудан, аз ҳуш рафтан; **больно́й опя́ть** ~**лся** бемор боз беҳуш шуд 3. ба хаёл фуру рафтан, ғарки хаёлот шудан; **он часа́ми сиди́т,** ~**вшись** вай соатҳои дароз ба фикр фуру рафта менишинад; ~**ться на лю́дях** дар миёни одамон губори дилро баровардан 4. худдорӣ накардан; аз ҳадди одоб берун баромадан; **она** ~**лась и наговори́ла мно́го ли́шнего** вай худдо-

рӣ карда натавониста бисьёр гапи беҳуда зад 5. фаромуш шудан, фаромуш шуда рафтан: **этот слу́чай давно́ ~лся** ин ҳодиса кайҳо фаромуш шуда рафтааст

зав *м разг. см.* **заве́дующий**

зав- I *қисми аввали калимаҳои мураккаб бо маънои «мудир»:* **завхо́з** мудири хоҷагӣ

зав- II *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънии «завод»:* **завко́м** комитети завод

зава́жживать *несов. см.* **завожжать**

зава́жничать *сов. разг.* ба калонигарӣ (ба ҳавобаландӣ, ба ғурур, ба каттагӣ, ба такаббур) сар кардан

зава́л *м* 1. туда: **сне́жный ~** барфтуда 2. *воен.* садд, монеа; **~ы из брёвен** садди чубӣ

зава́ливание *с* (*по знач. гл.* **завали́ть**) пур кардан(и); банд кардан(и); хам кардан(и); ғалтондан(и)

зава́ливать *несов. см.* **завали́ть**

зава́ливаться *несов.* 1. *см.* **завали́ться;** 2. *страд.* пур карда шудан; банд карда шудан

зава́лина *ж см.* **зава́линка**

зава́линка *ж* суфача

завали́ть *сов.* 1. *что* пур кардан, рехта пур кардан; **~ я́му землёй** чукуриро бо хок пур кардан 2. банд кардан, туда карда банд кардан; **~ вход в пеще́ру** даҳони ғорро банд кардан 3. *разг.* рехта (андохта) пур кардан, банд кардан; **~ стол кни́гами** руи мизро бо китоб пур кардан // *тж. безл. кого-что* зер (пур, пахш) кардан; **обва́лом завали́ло доро́гу** тарма роҳро зер кард 4. *что разг.* пур кардан, пуропур кардан; **магази́ны зава́лены това́рами** магазинҳо пур аз мол аст 5. *кого-что перен. разг.* дар таги *чизе* монондан; **~ рабо́той** дар таги кор монондан; **~ зака́зами** заказборон кардан 6. *что разг.* (*запрокинуть, накренить*) ба қафо (ба як тараф) хам кардан 7. *что разг.* ғалтондан, афтондан; **~ сте́ну** деворро ғалтондан 8. *что перен. разг.* вайрон (хароб) кардан; **~ рабо́ту** корро вайрон кардан; **~ экза́мен** дар имтиҳон ғалтидан

завали́||ться *сов.* 1. ғалтидан, афтидан: **кни́га ~лась за шкаф** китоб ба пушти ҷевон афтид 2. фуру рафтан, чукидан; **рот ~лся** лабҳо фуру рафтаанд; **глаза ~лись** чашмон фуру рафтаанд 3. *разг.* ба қафо (ба пас) хам шудан, якпаҳлу шудан; **маши́на ~лась на́ бок** мошин якпаҳлу шуд 4. *разг.* фуру рафтан, ғалтидан; **дом ~лся от ве́тхости** хона аз фарсудагӣ фуру рафт 5. *перен. разг.* ғалтидан; аз уҳдаи *чизе* (коре) набаромадан; **~ться на экза́мене** дар имтиҳон ғалтидан 6. *разг.* дароз кашидан, ба ҷойгаҳ даромада хобидан; **~ться спать** ба ҷойгаҳ дароз кашидан ◇ [**хоть**] **~сь!** *прост.* бисьёр!, фаровон!, сероб!; **я́блок на база́ре** [**хоть**] **~сь!** дар бозор себ фаровон аст!

зава́лк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **завали́ть** 1) пур кардан(и); **~а ши́хты в марте́новскую печь** кураи мартенро аз шихта пур кардан 2. *тех.* (*шихта*) моддаҳои гудохтанӣ; **коли́чество ~и** миқдори моддаҳои гудохтанӣ

зава́ль *ж собир. разг.* моли касод, моли касмахар (сақат)

завальси́ровать *сов.* ба вальс даромадан

заваля́ть I *сов. что прост.* (*запачкать*) олондан, чиркин (ифлос) кардан, ҷулондан, ғелонда олондан

заваля́ть II *сов. разг.* (*начать валять*) ба ғелондан сар кардан

заваля́||ться *сов. разг.* хобида мондан, беҳаракат мондан; **письмо́ ~лось на по́чте** мактуб дар почта хобида мондааст

заваля́щ||ий, -ая, -ее *разг.* ганда, бекора, беҳуда; кухна; **~ие сапоги́** музаи кухна

зава́ривание *с* (*по знач. гл.* **завари́ть**) дам кардан(и); пухтан(и); кафшер кардан(и)

зава́ривать *несов. см.* **завари́ть**

зава́риваться *несов.* 1. *см.* **завари́ться;** 2. *страд.* дам карда шудан; пухта шудан

завари́ть *сов. что* 1. дам кардан; **~ чай** чой дам кардан 2. (*обварить кипятком*) оби ҷуш рехтан, оби ҷуш пошидан // *разг.* пухтан; **~ кле́йстер** ширеш тайёр кардан 3. *тех.* кафшер кардан; **~ шов** ҷои пайвандро кафшер кардан 4. *перен. прост.* (*начать*) сар (шуруъ) кардан ◇ **~ ка́шу** ягон кори серташвиш сар кардан, кореро дулоб кардан

завари́||ться *сов.* 1. дам хурдан; **чай ~лся** чой дам хурд // *разг.* пухтан; **кле́йстер ~лся** ширеш пухт 2. *перен. прост.* (*нача́ться*) сар шудан; **~лось де́ло** кор сар шуд

зава́рк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **завари́ть** 1) дам кардан(и) 2. *разг.* як дам ҷои хушк; **чаю оста́лось на две ~и** барои ду дам ҷои хушк мондааст

зава́рочный, -ая, -ое *разг.* ...и дамкунӣ, ...и пазӣ; **~ ча́йник** ҷойники ҷойдамкунӣ

заваруха *ж прост.* дулобӣ, мағал, тупаланг

завева́ть *несов. см.* **заве́ять** I

завева́ться *несов. страд.* рупуш карда шудан, пушида шудан

заведе́ние *с* 1. муассиса, идора; **вы́сшее уче́бное ~** мактаби олӣ; **сре́днее специа́льное уче́бное ~** мактаби (омузишгоҳи) миёнаи махсус; **богоуго́дное ~** *уст.* муассисаи хайрия, мискинхона 2. *уст.* корхона, дуконхона, устохона; **конди́терское ~** корхонаи қаннодӣ; **пите́йное ~** майхона 3. (*по знач. гл.* **завести́** 5, 6) сохтан(и), ба вуҷуд овардан(и), таъсис 4. *уст. прост.* таомул, урфият

заведённ||ый, -ая, -ое *прич.* ба кор (ба ҳаракат) даровардашуда ◇ **как ~ый, как ~ая маши́на** 1) (*однообразно, беспрерывно*) мошин барин, якзайл, беист 2) (*механически, не раздумывая*) фикр накарда, бешуурона, беихтиёрона

заве́дование *с* (*по знач. гл.* **заве́довать**) мудирӣ, сардорӣ, идоракунӣ

заве́довать *несов. чем* мудирӣ кардан, идора кардан; **~ библиоте́кой** дар китобхона мудирӣ кардан; **~ ка́федрой** ба кафедра мудирӣ кардан

заве́домо *нареч.* (*явно, безусловно*) баръало, ошкоро; дидаву дониста; **~ ло́жные показа́ния** гувоҳии ошкоро дуруғ

заве́дом||ый, -ая, -ое ошкоро; **~ая ложь** дуруғи маҳз

заве́дующая *ж* мудира; **~ библиоте́кой** мудираи китобхона

заве́дующий *м* мудир; **~ уче́бной ча́стью** мудири қисми илмӣ, мудири илмӣ

завезти́ *сов.* 1. *кого-что* (*по дороге*) бурда (оварда) расондан, бурдан, овардан; **~ ве́щи на кварти́ру** чизу чораро ба хона бурда расондан // (*привезти издалека*) овардан (*аз ҷои дур*) 2. *кого-что* бурдан, бурда мондан; **~ в глушь** ба ҷои дурдаст бурдан 3. *что* (*доставить*) кашонда овардан (бурдан); **~ строи́тельные материа́лы на склад** масолеҳи бинокориро ба анбор кашонда бурдан; **~ това́ры в магази́н** молҳоро ба магазин кашонда овардан

завербова́ть *сов. кого-что* ҷалб кардан, кашидан, гирифтан; ҷамъ кардан; **~ на стро́йку** ба кори сохтмон ҷалб кардан; **~ сторо́нников** тарафдор ҷамъ кардан

завербова́ться *сов.* хизматеро (кореро) ба уҳда гирифтан; **~ на Се́вер** ба Шимол рафта кор карданро ба уҳда гирифтан

завербо́вывать *несов. см.* **завербова́ть**

завербо́вываться *несов.* 1. *см.* **завербова́ться;** 2. *страд.* қабул карда шудан

завере́ни||е *с* боваркунонӣ, итминон; **приими́те мои́ ~я** итминони маро қабул кунед; ба шумо изҳори итминон мекунам

завери́тель *м* тасдиққунанда

заве́рить *сов.* 1. *кого-что в чём или с союзом «что»* бовар кунондан, итминон додан; **~ в свое́й пре́данности** изҳори садоқат кардан 2. *что* тасдиқ кардан; **~ по́дпись** имзоро тасдиқ кардан

заве́рка *ж* (*по знач. гл.* **заве́рить** 2) тасдиқ, тасдиқ кардан(и); **~ по́дписи** тасдиқи имзо

заверну́ть *сов.* 1. *кого-что* печондан, бастан; **~ поку́пки в бума́гу** харидро ба коғаз печондан; **~ ребёнка в одея́ло** бачаро ба кампал печондан 2. *что* барзадан, гардондан, гардонда ба миён халондан, қат кардан; **~ рукава́** остин барзадан; **~ по́лы пальто́** домани пальторо қат кардан 3. гаштан, тоб хурдан; **~ в переу́лок** ба паскуча тоб хурдан; **~ за́ угол** ба хамгашти куча тоб хурдан // *кого-что* гардондан; **~ ло́шадь к до́му** сари аспро ба тарафи хона гардондан 4. *разг.* роҳгузар шуда

(сари роҳ) даромадан; ~ **к товарищу** як сари қадам ба хонаи рафиқ даромадан 5. *что* тофта (тоб дода) маҳкам кардан; ~ **гайку** гайкаро тофта маҳкам кардан; ~ **кран** ҷумакро тоб дода маҳкам кардан 6. *разг.* бастан, маҳкам кардан; ~ **воду** обро бастан; ~ **газ** газро маҳкам кардан

заверну́||ться *сов.* 1. худро печондан, печидан; **~ться в одеяло** худро ба курпа печондан 2. қат шудан; **рукав ~лся** остин қат шуд 3. тофта шудан, тоб хурдан; **кран ~лся** ҷумак тоб хурда маҳкам шуд

заверста́ть *сов. что полигр.* саҳифабанди кардан; ~ **текст** матнро саҳифабандӣ кардан

завёрстывать *несов. см.* заверстать

завёрстываться *несов. страд.* саҳифабандӣ карда шудан

заверте́||ть I *сов. кого разг.* ҷалб кардан, мафтун кардан; **новая работа ~ла его** кори нав уро ба худ ҷалб кард // *(вскружить голову, сбить с толку)* саргаранг (гиҷ) кардан

заверте́||ть II *сов.* 1. *чем (начать вертеть)* давр занондан (чархондан) гирифтан, ба ҷунбондан сар кардан; **собака ~ла хвостом** саг ба думҷунбонӣ даромад 2. *кого-что (закружить)* чарх занондан, печу тоб додан

заверте́ться I *сов. разг. (захлопотаться)* овора (саргардон) шудан; ~ **с домашними делами** бо корҳои рузгор овора шудан

заверте́||ться II *сов. (начать вертеться)* ба чархзанӣ даромадан, ба даврзанӣ сар кардан, ба ҷунбиш омадан, ба ҳаракат даромадан; **колёса поезда ~лись** чархҳои поезд ба ҳаракат даромаданд

завёртк||а *ж* 1. *см.* завёртывание; **аппарат для ~и конфет** аппарати конфетпечонӣ 2. *прост. (обёртка)* лифофа, муқова, ҷилд 3. *обл. (запор)* ғалақа 4. *прост.* як печондан(и), як кашидан(и); **табаку осталось на одну ~у** як каш тамоку мондааст 5. *(заворот, загиб)* печ, тоб

завёрточн||ый, -ая, -ое ...и ҷилдпеч, печонӣ, печонанда; **~ая машина** мошини печонанда (ҷилдпеч)

завёртчик *м* печонанда, тобдиҳанда

завёртчица *женск. к* **завёртчик**

завёртывание *с* (*по знач. гл.* **завернуть** 1—3, 5) печониш, печондан(и); барзадан(и), қат кардан(и); тофта маҳкам кардан(и); (*по знач. гл.* **завернуться**) печидан(и); тоб хурдан(и); ~ **крана** тофта маҳкам кардани кран

завёртывать *несов. см.* заверну́ть

завёртываться *несов.* 1. *см.* **завернуться**; 2. *страд.* печонида шудан; барзада шудан; тоб дода шудан

завершать *несов. см.* завершить

завершаться *несов.* 1. *см.* **завершиться**; 2. *страд.* ба анҷом расонида шудан, тамом карда шудан

заверша́ющий, -ая, -ее 1. *прич.* анҷомдиҳанда, ба итмом расонанда 2. *прил.* охирин, охирӣ; ~ **этап** марҳилаи охирин

завершение *с* (*по знач. гл.* **завершить**) анҷомдиҳӣ, ба охир расонидан(и); ~ **строительства** анҷомдиҳии сохтмон ◇ **в** ~ ба замми..., ба болокориӣ...; **в ~ всего** дар охир, ниҳоят

завершённость *ж* мукаммалӣ, пурраги, возеҳият; ~ **линий** возеҳияти тарҳ

заверши́ть *сов. что* 1. ба анҷом расонидан, тамом кардан, анҷом додан, ба охир (ба итмом) расондан; ~ **строительство** сохтмонро ба итмом расонидан 2. *уст. и обл. (довести доверху, напр. купол, скирд)* то охир бардоштан

заверши́ться *сов.* анҷом ёфтан, тамом шудан, ба охир (ба итмом) расидан; **встреча (игра) завершилась со счётом...** мусобиқа ба ҳисоби... хотима ёфт

заверять *несов. см.* **заве́рить**

заверя́ться *несов. страд.* тасдиқ карда шудан

заве́с||а *ж* 1. парда 2. *перен.* парда, садд; **~а тумана** пардаи туман ◇ **дымовая ~а** пардаи дуд; **огневая ~а** *воен.* садди оташин; **приподнять (поднять, приоткрыть) ~у** пардаи асрор бардоштан, ошкор кардан; **~а упала (спала) с глаз** сир ошкор гардид

заве́сить *сов. что* парда кашидан (овехтан), пардапуш кардан; ~ **окна** тирезаҳоро пардапуш кардан

заве́ситься *сов. чем* пардапуш шудан, пушида шудан

завести́ *сов.* 1. *кого-что* овардан; ~ **товарища к себе домой** рафиқеро ба хонаи худ овардан 2. *кого разг.* бурдан, бурда мондан; ~ **ребёнка в школу** бачаро ба мактаб бурда мондан 3. *кого* ба ҷои дур (ноқулай) бурда мондан; ~ **в болото** ба ботлоқ бурда мондан // *(за какой-л. предмет)* ба пушти (ба паси) чизе бурдан; ~ **за угол** ба паси иморат бурдан 4. *что* ба ақиб бурдан, ба пушт кардан; ~ **кому-л. руки назад** дастони касеро ба пушт кардан // *рыб.* кашидан; ~ **невод** як тарафи тури моҳигириро кашидан 5. *что* таъсис кардан, барпо намудан, ташкил додан, сохтан; ~ **библиотеку** китобхона ташкил кардан // *кого-что* соҳиб шудан; ~ **коз** соҳиби буз шудан 6. *что* ҷорӣ кардан, барқарор кардан; ~ **обыкновение** одат кардан, ба ҳукми одат даровардан; ~ **новые порядки** тартиботи нав ҷорӣ кардан; **так уж заведено** ҳамин тавр расм шудааст 7. *что* сар кардан; ~ **переписку с кем-л.** бо касе мукотиба сар кардан; ~ **разговор** гап сар кардан 8. *что* ба ҳаракат даровардан, тофтан, ба кор андохтан; ~ **мотор** моторро ба кор андохтан; ~ **часы** соатро тофтан; ~ **тесто (пироги)** хамир хобондан

заве||сти́сь *сов.* 1. пайдо шудан; **в сарае ~лись мыши** дар анбор муш пайдо шудааст 2. барқарор шудан, ташкил ёфтан, ҷорӣ шудан; **~лись новые порядки** тартиботи нав ҷорӣ шудааст; **~лось обыкновение** расм шудааст 3. ба ҳаракат (ба кор) даромадан; **мотор завёлся** мотор ба кор даромад 4. *кем-чем уст. разг.* соҳиб шудан; **~сти́сь ме́белью** мебельдор шудан

заве́т *м* 1. васият; **~ы Ленина** васиятҳои Ленин 2. одат, анъана 3. *уст.* назр; **положить ~** назр кардан ◇ **Ветхий завет** *рел.* Аҳди Қадим, Таврот; **Новый завет** *рел.* Аҳди Ҷадид, Инҷил; **старого ~а** *(о человеке)* куҳнапараст

заве́тн||ый, -ая, -ое 1. дилхоҳ, ...и дил, дерина; **~ое желание** орзуи дил 2. махфӣ, пинҳонӣ, ниҳонӣ; **~ое место** ҷои пинҳонӣ 3. *уст.* мероси, васият кардашуда 4. *уст.* аҳд кардашуда, ёдгорӣ; **~ое кольцо** ангуштарини ёдгорӣ 5. *уст.* мамнуъ, қадаған; **~ый рубеж** ҳадди қадаған

заве́тренн||ый, -ая, -ое шамолпанаҳ; **с ~ой стороны** аз тарафи шамолпанаҳ

завечере́||ть *сов. безл. разг.* торикӣ сар шудан, шом шудан; **уже совсем ~ло** шом шуда монд

заве́шать *сов. что чем* сар то сар овехтан (задан); ~ **стены картинами** ба девор сар то сар сурат овехтан

заве́шивание *с* (*по знач. гл.* **заве́сить**) пардакашӣ

заве́шивать I *несов. см.* **заве́шать**

заве́шивать II *несов. см.* **заве́сить**

заве́шиваться I *несов. страд.* овехта шудан, зада шудан

заве́шиваться II *несов.* 1. *см.* **заве́ситься**; 2. *страд.* парда кашида шудан

завеща́ние *с* 1. васиятнома; **духовное ~** васиятнома; **составить ~** васиятнома навиштан 2. васият

завеща́тель *м* васиятгар, васияткунанда

завеща́тельница *женск. к* **завещатель**

завеща́тельн||ый, -ая, -ое ...и васият, васиятӣ; **~ое письмо** васиятнома

завеща́ть *сов., несов. кого-что или с неопр.* васият кардан; ~ **дом сыну** ҳавлиро ба писари худ васият кардан

завеща́ться *несов. страд.* васият карда шудан

заве́я||ть I *сов. что (засыпать, занести)* рупуш кардан, пушидан; **вьюга ~ла все следы** бурон ҳама пайҳоро барҳам дод (пушонд)

заве́ять II *сов. (начать веять)* ба боддиҳӣ сар кардан, ба вазиш сар кардан

завзя́тый, -ая, -ое *разг.* ҳақиқӣ; моҳир; ~ **театрал** ҳамешаҳозири театр; ~ **охотник** мергани ҳақиқӣ; ~ **плут** қаллоби гузаро

завибри́ровать *сов.* ба ларзиш даромадан

завива́ние *с см.* **зави́вка** I

завива́ть *несов. см.* **зави́ть**

завива́ться *несов.* 1. *см.* **зави́ться** 1; 2. *страд.* ҷингила (фатила) карда шудан

зави́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **завить**) ҷингила (фатила) кардан(и); (*по знач. гл.* **завиться** 1) ҷингила (фатила) шу-

дан(и); ~ волос чингила кардани муй 2. муи чингила кардашуда; красивая ~ муи нағз чингила кардашуда; шестимесячная ~ чингилаи шашмоҳа

завидеть *сов. кого-что* дидан, аз дур дидан

завидки *тк. мн.:* **меия (тебя, его и т. д.) ~ берут** *прост.* ҳасад мебарам (мебари, мебарад *ва ғ.*)

завидне́||ться *сов.* 1. намоён (аён) шудан; **вдали ~лись заводские трубы** аз дур дудкашҳои завод намоён шуданд 2. *безл. разг.* [субҳ] дамидан; **чуть ~лось, мы тронулись в путь** ҳамин ки субҳ дамид, мо раҳсипор шудем

зави́дно 1. *нареч.* ҳасадовар(она), бисьёр хуб; **он ~ здоров** саломатии вай бисьёр хуб аст 2. *в знач. сказ. безл. кому* ҳасад мебарад; **ему ~** вай ҳасад мебарад; **мне стало ~** ҳасадам омад

зави́дн||ый, -ая, -ое (зави́д|ен, -на, -но) бисьёр нағз, хеле хуб; ҳасадангез, ҳасадовар; **~ое здоровье** саломатии хеле хуб; **~ая участь** толеи баланд

завидовать *несов. кому-чему* ҳасад хурдан, ҳасад бурдан

завиду́щ||ий, -ая, -ее (завидущ, -а, -е) *прост.* ҳарис, чашмгурусна; ҳасуд, бахил; **глаза ~ие, ру́ки загребу́щие** *погов.* чашмгуруснаи дастҷоруб

завизжать *сов.* ба чиррросзанӣ (ба вангасзанӣ) сар кардан (даромадан)

завизи́ровать *сов. что* виза мондан (гузоштан); **~ паспорт** ба паспорт виза гузоштан

завиля́||ть *сов.* 1. ба думҷунбонӣ (ба думликконӣ) сар кардан (даромадан); **соба́ка ~ла хвосто́м** саг ба думликконӣ даромад 2. *(принять извилистое направление — о тропе и т. п.)* каҷу килеб шудан (рафтан) 3. *перен. (повести себя уклончиво)* рафтори муҷмал кардан

завинти́ть *сов. что* тофта (тоб дода) маҳкам кардан; **~ гайку** гайкаро тофта маҳкам кардан

завинти́||ться *сов.* тоб хурда маҳкам шудан; **гайка хорошо ~лась** гайка хуб тоб хурда маҳкам шуд

завинчивать *несов. см.* **завинти́ть**

зави́нчиваться *несов.* 1. *см.* **завинти́ться;** 2. *страд.* тоб дода маҳкам карда шудан

завира́льн||ый, -ая, -ое *разг. (ложный, вздорный)* бардурӯғ, сохта, пуч, беҳуда; **~ые идеи** фикрҳои (гапҳои) пуч (хом)

завираться *несов. см.* **завраться**

завиру́ха *ж* 1. *обл. (вьюга, метель)* бурои, туфони барф, дама 2. *перен. прост. (волнение, суматоха)* мағал, валвала, дулобӣ

зависать *несов.* овезон шудан // *ав.* муаллақ моидан

зави́с||еть *несов. от кого-чего* 1. тобеъ (мутеъ, зердаст) будан; муҳтоҷ будан, дастнигар будан; **он ни от кого не ~ит** вай ба ҳеҷ кас мутеъ нест 2. дахлдор будан, вобаста будан; **я сделаю всё, что ~ит от меня** ҳар он чи ба ман вобаста аст, мекунам

зави́симост||ь *ж* 1. тобеият, мутобиат, зердастӣ; **находи́ться в по́лной ~и от кого-л.** комилан тобеи касе будан; **крепостная ~ь** тобеияти крепостной 2. вобастагӣ, вобаста будан(и); **в ~и от обстоятельств** вобаста ба вазъият

зави́сим||ый, -ая, -ое (зависим, -а, -о) тобеъ, мутеъ, зердаст; **~ые страны** мамлакатҳои номустақил; **~ое положе́ние** вазъияти мутеона

зави́стливо *нареч.* бо ҳасад, ҳасадхурона, бахилона; **~ смотре́ть** бо чашми ҳасад нигаристан

зави́стливость *ж* ҳасудӣ, бахилӣ

зави́стливый, -ая, -ое (завистлив, -а, -о) 1. ҳасуд, бахил(она), ҳасадхур(она), ҳасадомез; **~ челове́к** одами ҳасуд (бахил); **~ взгляд** нигоҳи ҳасадомез 2. *обл. (жадный)* ҳарис, чашмгурусна бахил

зави́стник *м* ҳасуд, ҳасадхур, бахил; **у него́ мно́го ~ов** бисьёр касон ба вай ҳасад мебаранд, у ҳасудони зиёде дорад

зави́стница *ж* ҳасуда, бахила

за́вист||ь *ж* ҳасад, бухл; **чу́вство ~и** ҳисси ҳасад; **смотре́ть с ~ью** бо чашми ҳасад нигоҳ кардан ◇ **на ~ь** бисьёр нагз, хеле хуб

завит||о́й, -а́я, -о́е (за́вит, -а, -о) 1. чингила (фатила) кардашуда; ...и муяш чингила кардашуда; **~ые во́лосы** муйҳои чингила кардашуда; **~ая де́вушка** духтари муяш чингила [кардашуда] 2. печутобдор; **~ые рога́** шохҳои печутобдор

завит||о́к *м* 1. каҷак, ҳалқаи муй, зулф; **~ки́ воло́с** каҷакхо, зулфҳо 2. печутоб; **писа́ть с ~ками** бо хати пурпечутоб навиштан 3. печ, тоб, ҳалқа, печутоб; **~ки́ дыма** ҳалқаҳои дуд; **~ки́ спира́ли** печутоби спираль

завиту́шка *ж см.* **завито́к** 1, 2

зави́ть *сов. что* 1. чингила (фатила) кардан; **~ во́лосы** мӯйро чингила кардан 2. бофтан, тофтан ◇ **~ го́ре верёвочкой** *прост.* ғаму ғуссаро аз дил дур кардан

зави́||ться I *сов.* 1. чингила (фатила) шудан; **во́лосы ~лись кудря́ми** муйҳо чингила шуданд 2. *(сделать себе завивку)* муи худро чингила кардан

зави́ться II *сов. разг. (начать виться)* ба печутоб даромадан

завихре́ние *с* печутоб, мавҷи гирдоб

завихри́||ться I *сов.* печида баромадан; **по у́лице ~лась пыль** дар куча чангу ғубор ба ҳаво печид

завихри́ться II *сов. (о волосах, шерсти и т. п.)* мавҷдор (фатила, чингила) шудан

завко́м *м* (заводской комитет) комитети завод, завком; **заседа́ние ~а** маҷлиси комитети завод

завко́мовский, -ая, -ое ...и комитети завод, ...и завком

завладева́ть *несов. см.* **завладе́ть**

завладе́||ть *сов. кем-чем* 1. ишғол (тасарруф) кардан, ба даст даровардан; **~ть неприятельской кре́постью** қалъаи душманро ишғол кардан 2. *перен.* ба худ кашидан, ба худ ҷалб кардан; фаро гирифтан; **~ть всеобщим внима́нием** диққати умумро ба худ ҷалб кардан; **~ть разгово́ром** диққати аҳли суҳбатро ба худ кашидан; **э́та мысль всеце́ло ~ла им** ин фикр тамоми ақлу ҳушашро фаро гирифт

завлека́тельно *нареч.* ҳавасангез, шавқовар(она), мароқовар(она), дилчасп; **~ повествова́ть** шавқовар нақл кардан

завлека́тельность *ж* ҳавасангезӣ, шавқовар будан(и), мароқнокӣ, дилчаспӣ

завлека́тельн||ый, -ая, -ое (завлекате|лен, -льна, -льно) ҷолиби диққат, ҳавасангез; **кни́га с ~ыми карти́нками** китоби суратҳояш ҷолиби диққат

завлекать *несов. см.* **завле́чь**

завлека́ться *несов.* 1. *см.* **завле́чься;** 2. *страд.* мафтун карда шудан; ҷалб карда шудан, ҷалб гардидан

завле́чь *сов. кого-что* 1. фирефта (аллонда) кашидан; мафтун кардан; **~ в лову́шку** ба дом кашидан 2. *перен. (заинтересовать)* диққат ҷалб кардан, ақлу ҳуш рабудан, ба шавқ овардан

завле́чься *сов. разг.* дода шудан; мафтун гардидан

заво́д I *м* 1. завод, корхона; **автомоби́льный ~** заводи автомобиль; **~-изготови́тель** заводи таҳиягар; **~-поставщи́к** заводи масолеҳдеҳ; **~ по произво́дству чего́-л.** заводи истеҳсоли чизе 2. завод, парваришгоҳ; **ко́нный ~** парваришгоҳи аспҳои зотӣ; **рыбово́дный ~** парваришгоҳи моҳӣ

заво́д II *м* 1. *(по знач. гл.* **завести́** 8) тофтан(и); **~ сте́нных часов** тофтани соати девори 2. *(срок действия)* тоб; **у часо́в ко́нчился ~** тоби соат тамом шуд 3. *(приспособление в механизме)* фанар; **испо́рченный ~** фанари вайрон 4. *полигр.* завод *(ҷамъи нусхаҳои чопи як набор)* ◇ **на ~, для ~а** барои насл баровардан; **[и] в ~е нет** *прост.* нест ва ҳаргиз набуд

заво́д-автома́т *м* заводи автомат

заводи́ла *м, ж разг.* саркарда

заводи́ть *несов. см.* **завести́**

заводи́ться *несов.* 1. *см.* **завести́сь;** 2. *страд.* оварда (бурда) шудан; сохта шудан; тофта (тоб дода) шудан

заво́дка *ж разг. см.* **заво́д** II 1

заводне́ние *с (по знач. гл.* **заводни́ть)** об пахш (зер) кардан(и); **~ нефтяны́х месторожде́ний** об зер кардани конҳои нафт; зери об мондани чоҳҳои нафт

заводни́ть *сов. что* зери об мондан, об пахш (зер) кардан

заводн||о́й, -а́я, -о́е 1. тофташаванда, пружинадор, фанардор; ...и тобдиҳӣ, ...и ҳаракат; **~а́я игру́шка** бозичаи пружинадор 2. ...и ҳаракат; **~о́й ключ** калиди ҳаракат; **~а́я пружи́на** пружинаи ҳаракат

заводня́ть *несов. см.* **заводни́ть**

заводняться *несов. страд.* зери об шудан

заводоуправление *с* идораи завод

заво́дский, -ая, -ое *уст. см.* **заводской**

заводск||ой, -ая, -ое 1. ...и завод; ~**ой корпус** бинои завод; ~**ой комитет** комитети завод; ~**ое оборудование** таҷҳизоти завод 2. *в знач. сущ.* **заводско́й** *м прост.* коргари завод

заво́дчик I *м уст.* соҳиби завод; **сахарный** ~ соҳиби заводи қанд

заводчик II *м уст. разг.* (*зачинщик*) сабабгор

заводь *ж* халиҷи хурд (*дар кул ё дарьё*)

завоева́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **завоевать**) истило, фатҳ; ~**е государства** истилои мамлакат; ~**е Се́вериого по́люса** фатҳи Қутби Шимол 2. (*территория*) хоки истилошуда (фатҳшуда, ғасбшуда) 3. *чаще мн.* **завоевания** *перен.* музаффариятҳо, комьёбиҳо, муваффақиятҳо; ~**я революции** музаффариятҳои революция; ~**я нау́ки и техники** комьёбиҳои илму техника

завоеватель *м* фотеҳ, истилогар, ғосиб

завоевательн||ый, -ая, -ое ...и истило, истилогарона; ~**ая поли́тика** сиёсати истилогарона

завоевать *сов.* 1. *кого-что* истило (фатҳ, забт) кардан; ~ **страну́** мамлакатро забт кардан 2. *что перен.* муваффақ шудан, ба даст даровардан, ёфтан, пайдо кардан; ҷалб кардан; ~ **доверие** эътибор пайдо кардан; ~ **изве́стность** шуҳрат ёфтан; ~ **свобо́ду** озоди ба даст даровардан; ~ **чьё-л. се́рдце** дили касеро рабудан

завоёвывать *несов. см.* **завоевать**

завоёвываться *несов. страд.* истило карда шудан; ба даст даровapда шудан

завожжать *сов. кого прост.* ҷилав задан; ~ **лошадь** аспро ҷилав задан

завоз *м разг.* 1. (*по знач. гл.* **завезти** 3) кашонда овардан(и), кашонда бурдан(и); ~ **товаров в магазины** кашонда овардани мол ба магазинҳо 2. (*завезённые товары*) моли овардашуда (кашонда); **в магази́не сегодня большой** ~ имрӯз ба магазин бисьёр мол омад (оварда шуд)

завози́ть I *несов. см.* **завезти**

завози́ть II *сов. что прост.* (*загрязнить*) олондан, чиркин (ифлос) кардан; ~ **платье** куртаро чиркин кардан

завозить III *сов. разг.* (*начать двигать*) ба ҷунбондан сар кардан, ҷунбондан (такондан) гирифтан; ~ **нога́ми под сто́ло́м** пойҳоро дар таги миз ҷунбондан гирифтан

завозиться I *несов. страд.* кашонда оварда (бурда) шудан

завози́ться II *сов. прост.* (*загрязниться*) олуда шудан, чиркин (ифлос) шудан

завози́||ться III *сов. разг.* (*начать возиться*) ба ҷунбуҷӯл (ба ҳаракат, ба давутоз) даромадан; **по́д полом** ~**лись мыши** дар таги пол мушҳо ба давутоз даромаданд

завозка *ж см.* **завоз** 1

заво́зный, -ая, -ое овардашуда, кашонда; ~ **товар** моли овардашуда (кашонда)

завола́кивать *несов. см.* **заволочь**

завола́киваться *несов.* 1. *см.* **заволочься**; 2. *страд.* пушонда (фаро гирифта) шудан

заволновать *сов.* 1. *что* ба мавҷзани даровардан 2. *кого-что* шӯрондан, ба шӯр андохтан

заволнова||ться *сов.* 1. ба мавҷзани сар кардан, ба талотум даромадан; **мо́ре** ~**лось** баҳр ба талотум даромад 2. ба изтироб афтодан, музтариб шудан, ба ташвиш афтодан

заволо||чь *сов. что* 1. пушондан, фаро гирифтан, панаҳ кардан; **ту́чи** ~**кли́ всё не́бо** абрҳо осмонро [сар то сар] фаро гирифтанд; **не́бо** ~**кло ту́чами** *безл.* осмонро абр гирифт; **глаза** ~**кло слеза́ми** *безл.* чашм пурашк шуд, чашмҳо ашкбор шуданд 2. *прост. и обл.* кашола карда даровардан; ~**чь са́ни в сарай** чанаро ба анбор кашола карда даровардан

заволо||чься *сов. чем* пушида (фаро гирифта, панаҳ) шудан: **не́бо** ~**кло́сь ту́чами** осмонро абр пушид; **глаза** ~**кли́сь слеза́ми** чашм пурашк шуд, пеши чашмро ашк гирифт

завоня́||ть *сов. разг.* бӯй гирифтан, буйнок шудан; **чем это** ~**ло?** ин бӯи бади чӣ бошад?, ин бӯи бад аз куҷо меояд?

завопить *сов. разг.* дод задан гирифтан, ба доду фарьёд даромадан

завораживать *несов. см.* **заворожить**

завораживаться *несов. страд.* ҷоду карда шудан

заворачива||ть *несов.* 1. *см.* **заверну́ть**; 2. *чем прост.* саркорӣ (саришта) кардан; **он** ~**ет все́ми дела́ми** ҳама кор ба дасти вай аст, ҳама корро вай саришта мекунад

завора́чиваться *несов.* 1. *см.* **завернуться**; 2. *страд.* гардонда шудан; барзада шудан

заворкова||ть *сов.* ба ваҚар-вуҚур даромадан, ваҚар-вуҚур сар кардан; **на крыше** ~**ли** голуби кафтарҳо дар болои бом ваҚар-вуҚур сар карданд

заворожённый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷоду кардашуда 2. *прил.* мафтуншуда, мафтун(она); **он смотрел, как** ~ вай мафтунона нигоҳ мекард

заворожи́ть *сов. кого-что* 1. ҷоду (афсун, сеҳр) кардан 2. *перен.* мафтун кардан, ҷалб (ҷазб) кардан

заворони́ть *сов. что* ҳали сиёҳ давондан, саводкорӣ кардан; ~ **сталь** пулодро саводкорӣ кардан

заворот *м:* ~ **кишо́к** печиши рӯда

заворо́т *м разг.* 1. гардиш, тобхурӣ; **сделать** ~ тоб хӯрдан 2. гардишгоҳ, хамгашт; ~ **доро́ги** хамгашти роҳ; ~ **реки́** гардишгоҳи дарьё

заворотить *сов. прост. см.* **завернуть** 2, 3

заворотиться *сов. прост. см.* **завернуться** 2

заворочать *сов. разг.* ба ҷунбондан сар кардан, ба ҳаракат даровардан; ~ **весло́м** ба белзанӣ сар кардан

заворо́чаться *сов. разг.* аз паҳлу ба паҳлу гаштан гирифтан

заворошить *сов.* тагу рӯро (титу питро, кофтуковро) сар кардан

заворошиться *сов. разг.* ба тагу рӯшавӣ (ба титу питшавӣ) даромадан

заворчать *сов.* ба ғур-ғур (ба ғурунг-ғурунг, ба ғиринг-ғиринг) даромадан

завраться *сов. разг.* беҳад дурӯғ гуфта расво шудан, дурӯғгӯи гузаро шудан

завсегда *нареч. прост. и обл.* ҳамеша, доим, мудом

завсегдатай *м* ҳамешаҳозир; ~ **теа́тра** ҳамешаҳозири театр

за́втра 1. *нареч.* пагоҳ, фардо; ~ **утром** фардо пагоҳӣ; ~ **ве́чером** фардо бегоҳӣ // (*в недалёком будущем*) ба қарибӣ, фардо; **он не зна́ет, что ждёт его́** ~ ӯ намедонад, ки фардо чӣ мешавад 2. *в знач. сущ.* **за́втра** *с нескл.* пагоҳ, фардо; **откла́дывать на** ~ ба пагоҳ монондан // (*будущее*) оянда, фардо; **све́тлое** ~ ояндаи дурахшон ◇ **до** ~**!** то дидана!, то пагоҳ!; **не сего́дня-**~**, не нынче-**~ имрӯз-пагоҳ, дар рӯзҳои наздик, ба қарибӣ; **они́ прие́дут не сего́дня-**~ онҳо имрӯз-пагоҳ (ба қарибӣ) меоянд

за́втрак *м* ношито, ноништа, наҳорӣ, чоштгоҳӣ; **приготовить что́-л. к** ~**у** чизе барои ноништа тайёр кардан // (*пища*) наҳорӣ; **взять с собо́й** ~ бо худ наҳорӣ гирифтан; ~ **из двух блюд** наҳорӣ аз ду хел таом ◇ **кормить** ~**ами** ваъдабозӣ кардан, ваъдаҳои хушку холӣ додан

завтракать *несов.* ношито (ноништа, наҳорӣ) кардан

за́втрашн||ий, -яя, -ее фардоӣ, ...и фардо; ~**ее число** фардо, пагоҳ; ~**ий день** 1) фардо, пагоҳ 2) *перен.* фардо, оянда; ~**ий день нашей страны** фардои мамлакати мо; **с** ~**его дня** аз пагоҳ (аз фардо) сар карда

завуали́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* рупуш кардашуда 2. *прил.* (*скрытый*) пардапуш; **высказать что-л. в** ~**ой форме** чизеро пардапуш карда гуфтан

завуалировать *сов. что* пушондан, рупуш кардан // *перен.* пардапуш кардан, ба рӯи кор парда кашидан; ~ **и́стинный ход событий** ҷараёни аслии воқеаҳоро пардапуш кардан

завуч *м* (заведующий учебной частью) мудири [қисми] илмӣ

завхо́з *м* (заведующий хозяйством) мудири хоҷагӣ

завши́веть *сов. разг.* шабушк кардан

завывание *с* уллос, ғурриш; ~ **ветра** ғурриши бод; ~ **волко́в** уллоси гургон

завыва||ть *несов.* 1. уллос задан (кашидан), ғуррос задан, ғурридан; **ве́тер** ~**ет** шамол ғуррос мезанад **2.**

что и без доп. разг. (плохо петь) уллос кашидан, бад сурудан

завывающий, -ая, -ее 1. *прич.* уллосзананда, уллоскашанда, гурранда 2. *прил. (заунывный)* уллосӣ

завысить *сов. что* аз будаш зиёдтар (болотар, баландтар) нишон додан; ~ **оценку** баҳоро аз будаш баланд мондан; ~ **требования** талаботро аз ҳад зиёд кардан

завы́||ть *сов.* 1. ба уллос (ба ғуррос, ба ғуввос) даромадан; **ве́тер** ~**л в трубе́** бод дар мурӣ ба ғуввос даромад; **волки** ~**ли** гургон ба уллос даромаданд 2. гирьяву ноларо сар кардан

завыша́ть *несов. см.* **завысить**

завыша́ться *несов. страд.* зиёдтар карда нишон дода шудан

завыше́ние *с (по знач. гл.* **завысить)** аз будаш зиёдтар (баландтар) нишон додан(и)

завы́шенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* аз будаш зиёдтар кардашуда 2. *прил.* аз ҳад зиёд баланд; ~**ые расце́нки** нархҳои аз ҳад зиёд баланд; ~**ые но́рмы** меъёрҳои аз ҳад зиёд баланд; ~**ые тре́бования** талаботи аз ҳад зиёд баланд

завьюжи||ть *сов.* 1. *безл. (начать вьюжить)* бурон сар шудан; **ве́чером пошёл снег,** ~**ло** бегоҳӣ барф бориду бӯрон сар шуд 2. *кого-что (замести)* пушидан, зер кардан

завью́чивать *несов. см.* **завьючить**

завью́чить *сов. кого* бор кардан; ~ **лошаде́й** борро ба аспҳо бор кардан

завядать *несов. см.* **завянуть**

завяза́ть I *сов. что* 1. бастан, гиреҳ бастан, тугун кардан; ~ **га́лстук** галстукро бастан; ~ **глаза** чашмро бастан // *во что* бастан, печондан; ~ **бельё в у́зел** либоси тагро бугча кардан 2. *перен.* барқарор кардан, сар кардан, пайдо кардан; ~ **дру́жбу** дӯстӣ барқарор кардан; ~ **знако́мство** шиносоӣ пайдо кардан; ~ **перепи́ску** мукотиба сар кардан; ~ **разгово́р** гап сар кардан; ~ **спор** баҳсу мунозира сар кардан; ~ **ссо́ру** ҷангу ҷанҷол сар кардан 3. ғура бастан, мева андохтан; ~ **плод** ҳосил бастан

завяза́ть II *несов. см.* **завязнуть**

завяза́ть III *сов. разг. (начать вязать)* бофтанро сар кардан; ~ **чуло́к** бофтани ҷуробро сар кардан

завяза||ться *сов.* 1. баста шудан; **галстук плохо** ~**лся** галстук нағз баста нашуд 2. *перен.* сар (шурӯъ) шудан; ~**лся бой** ҷанг сар шуд; ~**лась бесе́да** суҳбат сар шуд 3. *(о плоде)* ғура (ҳосил, мева) бастан

завязи́ть *сов. что разг.* ғутондан; ~ **но́ги в грязи** пойҳоро ба лой ғутондан

завя́зка *ж* 1. *(по знач. гл.* **завязать** I 1) *разг.* бастан(и), ғбандӣ 2. *(тесёмка)* бандина, банд, тасма; ~ **халата** камарчаи ҷома 3. *(начало действия)* оғоз, ибтидо, асос; ~ **событий** оғози воқеаҳо // *лит.* гиреҳбанд; ~ **романа** гиреҳбанди роман

завя́знуть *сов. в чём* 1. ғутидан, ғутида мондан; ~ **в боло́те** ба ботлоқ ғутида мондан 2. *перен. разг.* ба тангӣ афтодан, ночор мондан; ~ **в долга́х** ба қарз ғутидан; ~ **в дела́х** ба таги кор мондан

завя́зывание *с (по знач. гл.* **завяза́ть** I) бастан(и); печондан(и); сар кардан(и); *(по знач. гл.* **завяза́ться)** баста шудан(и); ғура бастан(и)

завязывать *несов. см.* **завязать** I

завязываться *несов.* 1. *см.* **завяза́ться;** 2. *страд.* баста шудан, печонда шудан

за́вязь *ж бот.* 1. ғура, ғурабандак *(қисми поении модинаи гули растаниҳо, ки тухмдон дар он ҷой гирифтааст)* 2. *(образование плода)* ғурабандӣ

завя́ливание *с (по знач. гл.* **завялить)** хушкондан(и), қоқ (хушк) кардан(и); *(по знач. гл.* **завя́литься)** қоқ (хушк) шудан(и)

завя́ливать *несов. см.* **завялить**

завя́ливаться *несов.* 1. *см.* **завялиться;** 2. *страд.* қоқ (хушк) карда шудан

завялить *сов. что* қоқ (хушк) кардан, хушкондан; ~ **рыбу** моҳиро хушк кардан

завя́ли||ться *сов.* қоқ (хушк) шудан, хушкидан; **ры́ба** ~**лась** моҳи хушк шуд

завя́л||ый, -ая, -ое *уст.* пажмурда, пажмурдашуда; ~**ые цветы́** гулҳои пажмурда

завя́||нуть *сов.* 1. пажмурда шудан, сулидан; **цветы́** ~**ли** гулҳо пажмурда шуданд 2. *перен.* суст (ланҷ) шудан

загадать *сов.* 1. *что* чистон (муаммо) гуфтан; ~ **загадку** чистон гуфтан 2. *что* аз дил гузарондан; фол дидан (кушодан); ~ **како́е-л. число** ададеро аз дил гузарондан; ~ **на ка́ртах** бо карта фол дидан 3. *разг.* тахмин (фарз) кардан; ~ **на бу́дущее** ният кардан

зага́ди||ть *сов. что разг.* 1. чиркин (ифлос) кардан, олуда кардан; **му́хи** ~**ли сте́ны** магасҳо деворро ифлос карданд 2. *перен.* расво (бемаза, мурдор, ҳаром) кардан

загадк||а *ж* чистон, муаммо; **загадать** ~**у** чистон гуфтан // *перен.* муаммо; **для меня́ э́то остаётся** ~**ой** ин барои ман муаммост ◇ **говори́ть** ~**ами** бо рамз сухан гуфтан, кинояомез гап задан; **игра́ть в** ~**и** рамзомез гап задан

зага́дочно *нареч.* кинояомез, муаммоомез, асроромез, рамзомез; ~ **улыбну́ться** асроромез табассум кардан

загадочность *ж* муаммо (асроромез, сарбаста) будан(и)

зага́дочи||ый, -ая, -ое (загадоч|ен, -на, -но) муаммодор, асроромез, рамздор, рамзомез, пурасрор, сарбаста; ~**ое происше́ствие** воқеаи пурасрор; ~**ая тишина́** хомушии асроромез

зага́дывание *с (по знач. гл.* **загада́ть)** чистонгуӣ, муаммогуӣ; ~ **зага́док** чистонгуӣ

зага́дывать *несов. см.* **загадать**

загадываться *несов. страд.* чистон гуфта шудан; фарзу тахмин карда шудан

загаживать *несов. см.* **зага́дить**

зага́живаться *несов. страд.* чиркин (ифлос) карда шудан

загазо́ванность *ж* газолуд будан(и); ~ **среды** газолуд будани муҳит

загалде́ть *сов. разг.* ба мағал (ба ғавғо, ба ғалоғула) сар кардан

загар *м* сиёҳӣ, сухта; **тёмное от** ~**а лицо́** руи аз офтоб сухта

загаса́ть *несов. см.* **зага́снуть**

загаси́ть *сов. что* хомуш кардан, куштан; ~ **лампу** чароғро хомуш кардан; ~ **папиросу** папиросро куштан

загас||нуть *сов. уст.* хомуш шудан; **свеча** ~**ла** шамъ хомуш шуд

загати́ть *сов. что* шоха хобондан (пушондан, густурдан); ~ **боло́то** ботлоқро шоха хобондан

зага́чивать *несов. см.* **загати́ть**

зага́чиваться *несов. страд.* шоха хобонда шудан

загашать *несов. см.* **загаси́ть**

зага́щиваться *несов. см.* **загости́ться**

загво́здка *ж разг.* монеа, халал, душворӣ; **в этом вся** ~ ҷони гап дар ҳамин аст

заги́б *м* 1. хамидагӣ, хамгашт; ~ **реки** хамгашти дарьё 2. *перен.* каҷравӣ // *(загнутое место)* ҷои қатшуда, қат ◇ ~ **ма́тки** беҷошавии бачадон

загибание *с (по знач. гл.* **загнуть)** қат (қаҷ) кардан(и); *(по знач. гл.* **загну́ться)** қатшавӣ, тобхурӣ

загиба́ть *несов. см.* **загну́ть**

загиба́ться *несов.* 1. *см.* **загну́ться;** 2. *страд.* хам карда шудан

заги́бщик *м разг.* каҷрав, каҷрафтор

заги́кать *сов. разг.* ҳаёҳуй сар кардан, гир-гир гуфтан

загипнотизировать *сов. кого-что* гипноз кардан; ~ **бо́льного** беморро гипноз кардан

загипсова́ть *сов. кого-что* гаҷбанди кардан, гаҷ бастан; ~ **сло́манную ру́ку** дасти шикастаро гаҷбанди кардан

загла́вие *с* сарлавҳа, унвон; ~ **кни́ги** сарлавҳаи китоб; **под** ~**м...** дар зери унвони..., бо унвони...

загла́вн||ый, -ая, -ое ...и сарлавҳа, сарлавҳадор; ~**ый лист** варақи унвон ◇ ~**ая бу́ква** ҳарфи калон; ~**ая роль** роли асосӣ

загладить *сов. что* 1. ҳамвор (тахт, суфта) кардан; ~ **руко́й во́лосы** мӯйро бо даст тахт кардан // *(утюгом)* уттӣ (дарзмол) кардан, ҳамвор кардан; ~ **скла́дки на пла́тье** чинҳои куртаро ҳамвор кардан 2. *перен.* ислоҳ (дуруст, сабук) кардан; ~ **свою́ оши́бку** хатои худро ислоҳ кардан

загла́ди||ться *сов.* 1. ҳамвор (тахт) шудан; **скла́дки хорошо́** ~**лись** чинҳо нағз ҳамвор шуданд 2. *перен.* сабук шудан, барҳараф шудан, аз дил баромадан; **оби́да** ~**лась** озурдагӣ аз дил баромад

заглаживать *несов. см.* **загладить**

заглаживаться *несов.* 1. *см.* **загла́диться;** 2. *страд.* ҳамвор карда шудан, уттӣ (дарзмол) карда шудан

заглазно *нареч. разг.* ғоибона; нодид, надида; **решить вопрос ~** масъаларо ғоибона ҳал кардан

заглазн||ый, -ая, -ое *разг.* ғайбӣ; **вести ~ые разговоры** ғайбат кардан

заглатывание *с (по знач. гл.* **заглатывать)** фуру бурдан(и), қулт кардан(и)

заглатывать *несов. кого-что* фуру бурдан, қулт кардан

заглатываться *несов. страд.* фуру бурда шудан, қулт карда шудан

заглотать *сов. см.* **заглатывать**

заглотнуть *сов. кого-что, чего разг.* бо як қулт фуру бурдан, як қулт кардан

заглохлый, -ая, -ое *уст. разг. см.* **заглохший**

заглох||нуть *сов.* 1. хомуш (ором, пасанда) шудан; **звуки ~ли** садоҳо хомуш шуданд // *(перестать работать)* хомуш шудан; **мотор заглох** мотор хомуш шуд; **самовар заглох** самовор хомуш шуд 2. *(прийти в запустение, упадок)* хароб (вайрон) шудан, завол ёфтан, вайрона (фатарот) шудан; **сад заглох** боғ фатарот шуд // *перен.* таназзул кардан, завол ёфтан, бар бод рафтан; **это начинание не ~нет** ин ташаббус бар бод намеравад 3. *перен. (о чувствах, мыслях и т. п.)* фаромуш шудан, тира гардидан

заглохш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* хомушшуда 2. *прил. (запущенный)* харобшуда, фатаротшуда; **~ий пруд** ҳавзи хушкида; **~ий сад** боғи фатаротшуда 3. *прил. перен.* фаромушшуда, тирагардида; **~ие воспоминания** хотираҳои тирагардида

заглушать *несов. см.* **заглушить**

заглушаться *несов.* 1. *см.* **заглушиться**; 2. *страд.* пахш карда шудан; хобонда шудан

заглуши||ть *сов. что* 1. пахш (зер) кардан; **гудок ~л голоса людей** бонг (гудок) овози одамонро пахш кард // *(смягчить)* паст кардан; **ковёр ~л шум шагов** қолин садои пойро паст кард // *разг. (прекратить работу чего-л.)* хобондан; **~ть мотор** моторро хобондан 2. *перен.* нест (бартараф) кардан, таскин додан, фуру нишондан; **~ть боль** дардро бартараф кардан; **~ть тревогу в сердце** ҳаяҷони дилро фуру нишондан // *(о запахе)* пахш кардан; **запах керосина ~л все другие запахи** бӯи карасин ҳамаи дигар бӯйҳоро пахш кард 3. *(о растениях)* пахш (зер, буғи) кардан; **сорняки ~ли посевы** алафҳои бегона киштҳоро пахш карданд 4. *перен.* нест (нобуд) кардан; **~ть протест** эътирозро барҳам додан 5. *прост.* хомуш кардан, куштан; **~ть огонь** оташро куштан; **~ть самовар** олави самоворро куштан

заглушиться *сов.* хомуш гардидан (шудан), паст (суст) шудан

заглушка *ж разг.* сарпушак, садонишонак

загляденье *с разг.* тамошобоб, дидани, ғалатӣ; **конь - одно ~!** аспи ғалатӣ (диданбоб)!

заглядеться *сов. на кого-что* чашм духта мондан, чашм канда натавонистан; ғарқи тамошои *чизе* шудан, маҳви *чизе* шудан; **~ на картину** ба сурат чашм духта мондан, маҳви сурат шудан

заглядывать *несов. см.* **заглянуть**; **~ вперёд** ба оянда назар духтан

заглядываться *несов. см.* **заглядеться**

заглянуть *сов.* 1. назар андохтан; **~ в окно** аз тиреза назар андохтан; **~ в приоткрытую дверь** аз дари нимроғ назар андохтан // *перен. (о солнце, луне и т. п.)* даромадан; **солнце заглянуло в комнату** нури офтоб ба хона даромад // *перен.* як нигоҳ кардан; **~ в книгу** ба китоб як нигоҳ кардан 2. *разг.* як сари қадам даромадан; **~ к товарищу на минутку** ба пеши рафиқи худ як сари қадам даромадан ◇ **~ вперёд** фикриояндаро кардан, ба оянда назар андохтан; **~ в душу (в сердце)** *кому-л.* рози касеро фаҳмида гирифтан

загнаивать *несов. см.* **загноить**

загнаиваться *несов. см.* **загноиться**

загнанность *ж* шалпар (беҳол, бемадор) будан(и)

загнанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ронда даровардашуда 2. *прил.* мондашуда, беҳолшуда, хаставу куфта, шалпаршуда; **~ая лошадь** аспи мондашуда 3. *прил. перен.* ваҳмида, ваҳшатзада, хусида, рамида ◇ **как ~ый зверь** тарсону ҳаросон

загнать *сов.* 1. *кого-что* ҳай карда (ронда) даровардан; **~ скот во двор** молҳоро ронда ба ҳота даровардан 2. *кого* дур рондан (фиристодан); гурезондан, ҳай кардан; **~ кошку на дерево** гурбаро ба болои дарахт гурезондан 3. *что* задан, партофтан, ҳаво додан; **~ мяч в ворота** тубро ба дарвоза задан 4. *кого* тозонда хаста кардан, тозонда аз кор баровардан; **~ лошадей** аспҳоро тозонда хаста кардан 5. *что разг.* зада (куфта) даровардан, зада фуру равондан; **~ гвоздь в стену** мехро ба девор куфта даровардан 6. *что прост.* фурухтан; **~ костюм** костюмро фурухтан ◇ **~ в гроб** *кого прост.* азоб дода куштан, аз аҷалаш пештар куштан

загнетка *ж обл.* лахчадон

загнивание *с (по знач. гл.* **загнить)** пусиш, пусидан(и), гандидан(и)

загнивать *несов. см.* **загнить**

загни||ть *сов.* 1. пусидан, вайрон (ганда) шудан; **капуста ~ла** карам пусид 2. *перен.* пусидан, вайрон (хароб) шудан, фосид шудан, таназзул кардан

загноить *сов. что* 1. *(дать загнить)* пусондан 2. *(дать загноиться)* мадда кунондан

загно||иться *сов.* чирк (фасод, мадда, рим) кардан; чирк (мадда) баровардан; **рана ~лась** ҷароҳат (яра) чирк кард

загнутый, -ая, -ое 1. *прич.* қат кардашуда, хам кардашуда 2. *прил.* хам, кач; **~ клюв** нули кач

загнуть *сов.* 1. *что* қат кардан, барзадан, гардонидан, хам (кач) кардан; **~ рукав** остинро барзадан; **~ угол страницы** гушаи саҳифаро қат кардан 2. *что и без доп. перен. прост.* муҳобот (муболиға) кардан; **ну и загнул же ты!** расо муҳобот кардӣ-дия!; **~ словечко** дашном додан ◇ **~ салазки** *кому-л. прост.* 1) пойҳои каси хобидаро ба пушт тоб додан (қат кардан); 2) сахт ҷазо додан, азобу уқубат додан; **~ цену** нархро баланд кардан, қимат кардан

загну||ться *сов.* 1. қат шудан, хам (кач) шудан, тоб хурдан; **носки ботинок ~лись кверху** нуги ботинка ба боло тоб хурд; **угол страницы ~лся** гушаи саҳифа қат шуд 2. *груб. прост.* мурдан

заговаривание I *с (по знач. гл.* **заговаривать** I) ба гапзанӣ сар кардан(и), ба гап даромадан(и)

заговаривание II *с (по знач. гл.* **заговорить** I 2) ҷоду кардан(и), азоимхонӣ кардан(и)

заговаривать I *несов.* гап сар кардан, ба гап даромадан; **~ с прохожим** бо роҳгузар гап сар кардан

заговаривать II *несов. см.* **заговорить** I ◇ **~ зубы** гапро ба дигар тараф бурдан

заговариваться I *несов.* 1. *см.* **заговориться**; 2. *разг.* сафсата (дуруғ, ёва) гуфтан; **от старости он стал ~** вай аз пири сафсата мегуфтагӣ шудааст

заговариваться II *несов. страд.* ҷоду карда шудан

заговень||е *с рел.* арафаи руза ◇ **морковкино ~е, до (после) морковкина ~я** *шутл.* кай ки думи шутур ба замин расад

заговеться *сов. рел.* дар арафаи руза охирин бор гушту шир хурдан // *перен. уст. разг.* ягон корро охирин дафъа кардан

заговляться *несов. см.* **заговеться**

заговор I *м (тайное соглашение)* суиқасд, забон як кардан(и); **контрреволюционный ~** суиқасди контрреволюционӣ; **они в ~е** онҳо забон як кардаанд

заговор II *м (заклинание)* ҷоду, сеҳр, афсун, азоимхонӣ, дуохонӣ, эму дам; **~ от болезни** эму дами касал

заговори||ть I *сов.* 1. *кого разг.* бо гапзанӣ безор кардан; **он всех ~л** сергапии у ҳамаро безор кард 2. *кого-что (заколдовать)* ҷоду (сеҳр, афсун) кардан, азоимхонӣ кардан

заговори||ть II *сов.* 1. *(начать говорить)* ба гап сар кардан, ба гап даромадан; забон баровардан; **все ~ли разом** ҳама якбора ба гап сар карданд; **ребёнок скоро ~т** кудак ба зудӣ забон мебарорад 2. *перен.* бедор шудан; **в нём ~ла совесть** вай ба инсоф омад ◇ **~ть другим голосом** муомиларо (рафторро) дигар кардан

заговори||ться *сов.* 1. ба гап андармон шудан, саргарми гап шудан; **они ~лись до позднего вечера** онҳо то бевақтии шаб ба гап андармон шуда монданд 2. *разг.* бисьёр росту дуруғ гуфтан; **он совсем ~лся** вай бисьёр росту дуруғ гуфт

заговорщик *м* сунқасдкунанда, забоньяккунанда

заговорщица *женск. к* **заговорщик**

заговорщицки *нареч. разг. см.* **заговорщически**

заговорщицкий, -ая, -ое *разг. см.* **заговорщический**

заговорщически *нареч.* пурасророна, асроромез; ~ **посмотреть** пурасророна нигоҳ кардан

заговорщическ||ий, -ая, -ое ...и суиқасдкунанда, ...и бадандешона, ...и бадқасдона; ~**ие планы** нақшаҳои бадқасдона // *(таинственный)* пурасрор, асроромез; ~**ий вид** қиёфаи асроромез

загоготать *сов.* 1. *(о гусях)* ба ғо-ғо сар кардан 2. *перен. прост. (захохотать)* ба қоҳ-қоҳзанӣ даромадан

загогулина *ж прост.* печ, печутоб *(дар хат)*; **писать с** ~**ми** ба ҳарфҳои печутобдор навиштан

загодя *нареч. прост. и обл.* пешакӣ, пеш аз вақт, бармаҳал; ~ **собраться в путь** пешакӣ тайёрии роҳро дидан, пешакӣ рахт бастан

заголить *сов. что прост.* луч кардан

заголиться *сов. прост.* луч шудан

заголов||ок *м* сарлавҳа, унвон; **под** ~**ком...** бо сарлавҳаи...

заголовочный, -ая, -ое ...и сарлавҳа, ...и унвон, сарлавҳагӣ, унвонӣ; ~ **шрифт** ҳуруфоти сарлавҳа

заголосить *сов. разг.* ба овозандозӣ (ба навҳа|сароӣ|, ба гирья) сар кардан. доду фарьёд сар кардан

заголубе||ть *сов.* 1. *(начать голубеть)* кабудчатоб шудан // *(стать голубым)* кабуд шудан, нилфом шудан 2. *(показаться — о голубом)* кабудча тофтан; **в просветах между деревьями** ~**ло небо** осмон аз байни дарахтҳо кабудча тофт

заголять(ся) *несов. см.* **заголить(ся)**

загомонить *сов. прост.* ғалоғула (мағал) бардоштан

загон *м* 1. *(по знач. гл.* **загнать** I) ҳай кардан(и), рондан(и) 2. *(для скота)* қура, молхона 3. *(участок поля, пашни)* қитъаи замин, майдони кишт 4. *(напр. в работе)* кори пешакӣ ◇ **в** ~**е** бепарастор, беназорат; беэътибор, хор

загонн||ый, -ая, -ое ...и қитъаи замин, ...и майдони кишт; ~**ая система использования пастбищ** усули ба сифати чарогоҳ истифода бурдани қитъаҳои замин

загонять I *несов. см.* **загнать**

загоня||ть II *сов. кого разг. (измучить)* азоб додан, хаста кардан, аз кор баровардан, корзада кардан

загонять III *сов. (начать гонять)* ба ҳай кардан (ба рондан) даромадан

загоняться *несов. страд.* ҳай карда шудан

загораживание *с (по знач. гл.* **загородить)** таворакашӣ, ҳисорбандӣ; банд кардан(и)

загораживать *несов. см.* **загородить**

загораживаться *несов.* 1. *см.* **загородиться**; 2. *страд.* тавора кашида шудан; баста шудан

загорание *с (по знач. гл.* **загореть)** сиёҳшавӣ, гандумгуншавӣ

загорать(ся) *несов. см.* **загореть(ся)**

загорб||ок *м прост.* паси гардан, миёни ду китф, душ; **ударить по** ~**ку** ба миёни ду шона задан; **посадить ребёнка на** ~**ок** кудакро бар душ шинондан

загордиться *сов. разг.* аз худ рафтан, ҳавобаланд шудан, мағрур шудан. такаббур фурухтан

загоревать *сов. разг.* андуҳгин (ғамгин) шудан. ғусса хурдан

загоревший. -ая, -ее 1. *прич.* сиёҳшуда, офтобхурда 2. *прил. см.* **загорелый**

загорел||ый, -ая, -ое гандумгун, сабзина, сиёҳшуда. сухта *(дар офтоб)*; ~**ое лицо** руи гандумгун

загореть *сов.* гандумгун (сиёҳ, сабзина) шудан; ~ **на солнце** дар офтоб сиёҳ шудан

загоре||ться *сов.* 1. даргирифтан, оташ гирифтан, шуълавар шудан; **дрова** ~**лись** ҳезум даргирифт 2. даргирифтан, фурузон шудан; **в окнах домов** ~**лись огни** пушти тирезаҳои хонаҳо чароғ даргирифт 3. *перен.* дурахшидан, рахшон шудан, ҷило додан; **на небе** ~**лись первые звёзды** дар осмон аввалин ситораҳо дурахшиданд; **его глаза** ~**лись гневом** дар чашмони у оташи ғазаб дурахшид 4. *чем, от чего и без доп. перен. (зардеться)* сурх (лолагун) шудан; **её лицо** ~**лось стыдом** рӯяш аз хиҷолат сурх шуд; **на её щеках** ~**лся румянец** дар рухсораҳояш сурхӣ дамид 5. *безл. кому с неопр. разг.* муштоқи *чизе* шудан, якбора ба ҳирси (ба ҳавои) *чизе* афтодан: **ему** ~**лось ехать немедленно** вай якбора рафтанӣ шуд 6. *перен. (начаться)* сар шудан, авҷ гирифтан; ~**лся спор** баҳс авҷ гирифта рафт ◇ **откуда (из-за чего) сыр-бор** ~**лся?** аз чӣ сабаб ин шуру ғавғо баланд шуд?

загорланить *сов. прост.* ба арросазанӣ (ба гулударронӣ) даромадан

загородить *сов.* 1. *что* девор (тавора) кашидан, иҳота кардан, ҳисор гирифтан; ~ **двор забором** ба атрофи ҳавлӣ девор кашидан 2. *кого-что* банд кардан, сад кашидан, панаҳ кардан, пеши чизеро гирифтан; ~ **свет** пеши рушноиро гирифтан; ~ **всю улицу** тамоми кучаро банд кардан; ~ **собой кого-л.** муҳофизат кардан, бо ҷуссаи худ касеро панаҳ кардан 3. *что* банд кардан, пеши чизеро гирифтан; ~ **дорогу кому-л.** пеши роҳи касеро гирифтан 4. *что прост.* банд кардан; ~ **двор досками** рӯи ҳавлиро бо тахта банд кардан

загородиться *сов.* 1. атрофи худро девор кашидан (иҳота кардан) 2. дар паси чизе пинҳон (панаҳ) шудан; ~ **рукой от солнца** офтобро бо даст панаҳ кардан

загородк||а *ж разг.* 1. тавора, девора, қаторак, чапар; **хлев с** ~**ой** оғили таворадор 2. *(место, обнесённое изгородью)* ҷои иҳоташуда, ҷои таворакашида

загородн||ый, -ая, -ое ...и беруни шаҳр; ~**ый дом** ҳавлии берун аз шаҳр; ~**ая прогулка** сайри (гардиши) беруни шаҳр; ~**ая поездка** саёҳати беруни шаҳр

загороженный, -ая, -ое 1. *прич.* девора кашидашуда, иҳота кардашуда 2. *прил.* таворадор; ~ **участок** участкаи таворадор

загорячить *сов. кого* шурондан, ангезондан, оташин (тез) кардан, ба ҳаяҷон овардан; ~ **коня** аспро бозӣ дорондан

загорячиться *сов.* оташин (тез) шудан, шуридан

загоститься *сов. разг.* дар меҳмонӣ бисьёр истода мондан; ~ **у друзей** дар меҳмонии дустон зиёд истода мондан

загот= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «захира»:* **заготконтора** контораи захира

заготавливание *с см.* **заготовка** I

заготавливать(ся) *несов. см.* **заготовлять(ся)**

загоτконтора *ж* (заготовительная контора) контораи маҳсулоттайёркунӣ

заготовитель *м* захирагар, тайёркунанда, харида тайёркунанда

заготовительн||ый, -ая, -ое 1. ...и захира, харида тайёркунанда; ~**ая организация** ташкилоти харида тайёркунанда; ~**ый пункт** пункти захира 2. ...и харид; ~**ые цены** нархҳои харид

заготовить *сов.* 1. *что* пешакӣ тайёр кардан; омода кардан; ~ **пропуск** пешакӣ рухсатнома тайёр кардан 2. *что, чего* тайёр кардан, захира кардан, таҳия кардан; ~ **дрова на зиму** барои зимистон ҳезум тайёр кардан; ~ **корм для скота** барои чорво ему хошок захира кардан

заготовк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **заготовить)** тайёр кардан(и), захира кардан(и); ~**а дров** тайёр кардани ҳезум; ~**а сельскохозяйственных продуктов** тайёр кардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ; ~**а сырья** тайёр кардани моли хом 2. *мн.* **заготовки** захираи маҳсулот; **государственные** ~**и** захираи маҳсулоти давлати 3. *сапожн.* масолеҳ *(чарми буреда тайёр кардашудаи пойафзол)*; ~**и для сапог** масолеҳи муза

заготовление *с см.* **заготовка** I

заготовлять *несов. см.* **заготовить**

заготовляться *несов. страд.* тайёр (захира) карда шудан

заготовочн||ый, -ая, -ое *сапожн.* масолеҳбур; чармбур

заготовщик *м* 1. захирагар. тайёркунанда; ~ **овощей** захирагари сабзавот 2. *сапожн.* чармбур

заготпункт *м* (заготовительный пункт) пункти захира. пункти маҳсулоттайёркунӣ

заграбастать *сов. что, чего прост.* зада (зер карда) гирифтан

заграбастывать *несов. см.* **заграбастать**

заградитель *м мор.* киштии ҳарбии монеагузор; **минный** ~ киштии минагузор

заградительн||ый, -ая, -ое монеъ, масдудкунанда, сипаршаванда; **~ые сооружения** иншооти масдудкунанда

заградить *сов. что* банд (масдуд) кардан, бастан, пеши роҳро гирифтан; садд кашидан, монеа гузоштан; **~ путь** роҳро банд кардан; **~ проход** гузаргоҳро бастан

заграждать *несов. см.* **заградить**

заграждаться *несов. страд.* банд карда шудан, масдуд шудан

заграждение *с* монеа, садд, сипар, ғав; **минное ~** монеаи мина; **противотанковое ~** садди [роҳи] танк; **проволочное ~** ғави симхордор

заграниц||а *ж разг.* хориҷа, мамлакатҳои хориҷӣ; **связи с ~ей** алоқа бо хориҷа

заграничн||ый, -ая, -ое хориҷӣ, ...и хориҷа; **~ые товары** молҳои хориҷӣ; **~ый паспорт** паспорти хориҷӣ; **~ая поездка** сафари хориҷа

загребать *несов.* 1. *что разг.* туда (даста, чамъ) кардан, ғундоштан; **~ сено** хасбедаро туда кардан 2. *разг.* бел задан, бел зада рондан; **~ веслом** бел зада қаиқ рондан 3. *что перен. прост.* [руфта] гирифтан; **~ большие деньги** пули бисьёре [руфта] гирифтан ◇ **чужими руками жар ~** *погов.* ≈ бо дасти ғайр оҳак тафта кардан; **~ деньги лопатой** пулро бо ҷоруб руфта гирифтан

загребаться *несов. страд.* туда карда шудан

загребущий, -ая, -ее *прост.* ҷоруби дастархон, ҳарис

загреметь I *сов. прост. (упасть с грохотом)* гулдуррос (гумбуррос) зада афтодан; **~ с лестницы** аз зинапоя гулдуррос зада афтодан

загреметь II *сов.* 1. *(начать греметь)* ба ғурриш (ба гулдуррос) даромадан; тақар-туқур (тарақ-туруқ) сар кардан; **~ посудой** зарфҳоро ҷарангос занондан 2. овоза шуда рафтан, ном баровардан

загрести I *сов. см.* **загребать**

загрести II *сов. (начать грести)* ба белкаши даромадан

загрив||ок *м* 1. *(лошади)* нуғҳои ёли асп 2. *прост. (человека)* пушти гардан; **дать по ~ку** ба пушти гардан задан

загримировать *сов. кого-что* грим кардан; **~ актёра** актёрро грим кардан; **~ лицо** руйро грим кардан

загримироваться *сов.* худро грим кардан

загримировывать *несов. см.* **загримировать**

загримировываться *несов.* 1. *см.* **загримироваться**; 2. *страд.* грим карда шудан

загробн||ый, -ая, -ое 1. *рел.* ондуньёӣ, ...и он дуньё, ...и охират; **~ая жизнь** охират; **~ый мир** он дуньё, охират 2. *(о голосе)* паст, хафа *(дар бораи овоз)*

загромождать *несов. см.* **загромоздить**

загромождаться *несов. страд.* банд карда шудан, аз ҳад зиёд пур карда шудан

загромождение *с (по знач. гл.* **загромоздить***)* банд кардан(и), аз ҳад зиёд пур кардан(и)

загромоздить *сов. что* банд кардан, аз ҳад зиёд пур кардан, анбоштан; **~ комнату мебелью** хонаро бо мебель банд кардан // *перен.* бо чизҳои бекора пур кардан; **пьеса загромождена излишними эпизодами** пьеса аз воқеаҳои барзиёд пур шуда рафтааст

загромыхать *сов. разг.* ба тақаррос-занӣ сар кардан, ба тақар-туқур даромадан

загрохота||ть *сов.* ба гулдурросзанӣ сар кардан, ба ғурриш даромадан; **гром ~л** раъд ба ғурриш даромад

загрубелость *ж* дағалӣ, дуруштӣ, шахшулӣ

загрубел||ый, -ая, -ое 1. дағал, дурушт, шахшул; **~ые руки** дастҳои шахшул 2. *перен.* бераҳм, сахт; **~ая душа** дили сахт

загрубе||ть *сов.* 1. дағал (дурушт, шахшул) шудан: **руки ~ли** дастҳо шахшул шуданд 2. *перен.* сахт (бераҳм) шудан; **душа ~ла** дил сахт шуд

загружать *несов. см.* **загрузить**

загружаться *несов.* 1. *см.* **загрузиться**; 2. *страд.* пур карда шудан

загруженность, загружённость *ж* 1. пурбор будан(и); **~ железных дорог** пурҳаракат будани роҳҳои оҳан 2. *перен. разг.* аз кор таъмин будан(и); **~ работой** серкорӣ

загрузить *сов.* 1. *что* пур бор кардан, пур кардан: **~ вагоны стройматериалами** вагонҳоро аз масолеҳи бинокорӣ пуркардан 2. *кого-что перен. разг.* пурра аз кор таъмин кардан; бор кардан; **~ предприятие** корхонаро аз кор пурра таъмин кардан

загрузи||ться *сов.* 1. бор гирифтан; **баржа ~лась** баржа бор гирифт 2. *перен. разг.* серкор шудан; банд шудан

загрузка *ж* 1. *(по знач. гл.* **загрузить***)* пурбор кардан(и), пур кардан(и); пурра аз кор таъмин кардан(и); **~ барж песком** аз рег пур кардани баржаҳо; **~ домны** пур кардани домна 2. *разг.* пурра аз кор таъмин будан(и); **недостаточная ~ станков** аз кор пурра таъмин набудани дастгоҳҳо

загрузнуть *сов. прост. см.* **завязнуть**

загрузочн||ый, -ая, -ое боркунанда; **~ая машина** мошини боркунанда

загрунтовать *сов. что* таҳранг молидан; **~ холст** ба карбос таҳранг молидан

загрунтовывать *несов. см.* **загрунтовать**

загрунтовываться *несов. страд.* таҳранг молида шудан

загрустить *сов.* ғамгин (андуҳгин, маҳзун, дилтанг) шудан

загрыз||ть *сов. кого* 1. даррондан, бо дандон пора кардан; **волки ~ли овцу** гургон гусфандро дарронданд 2. *перен. разг.* азоб (азият) додан; ҷон ба лаб овардан, безор кардан; **его совесть ~ла** уро виҷдонаш азоб дод

загрязнение *с (по знач. гл.* **загрязнить***)* чиркин (касиф, ифлос, олуда) кардан(и); *(по знач. гл.* **загрязниться***)* чиркин (касиф, ифлос, олуда) шудан(и); **~ воздуха** олуда кардани (шудани) ҳаво; **~ раны** чирк гирифтани ҷароҳат; **~ промышленными отходами** ифлос кардани муҳит бо партовҳои истеҳсолот

загрязнитель *м* ифлоскунанда; **~ воздуха** ифлоскунандаи ҳаво

загрязнить *сов. что* 1. чиркин (касиф, ифлос, олуда) кардан, олондан; **~ одежду** либосро чиркин кардан; **~ помещение** хонаро ифлос кардан 2. *перен.* расво (доғдор, бадном) кардан

загрязни||ться *сов.* чиркин (ифлос, касиф, олуда) шудан; **стекло ~лось** шишаи тиреза чиркин шуд

загрязнуть *сов. прост.* ғутидан, ғутида мондан; ғарқ шудан; **~ в болоте** ба ботлоқ ғутида мондан

загрязнять *несов. см.* **загрязнить**

загрязняться *несов.* 1. *см.* **загрязниться**; 2. *страд.* чиркин (ифлос) карда шудан

загс *м* (отдел записи актов гражданского состояния) загс (шуъбаи қайди актҳои вазъи гражданӣ)

загубить *сов.* 1. *кого-что разг.* нобуд (нест, маҳв, талаф) кардан, ҳалок (хароб) кардан, бар бод додан; **~ лошадь** аспро нобуд кардан; **~ талант** истеъдодро бар бод додан; **~ посевы** киштро талаф кардан 2. *что прост. (потратить напрасно)* беҳуда харҷ (сарф) кардан ◇ **~ чей-л. век, ~ чью-л. жизнь** рузи касеро сиёҳ кардан, касеро бадбахт кардан; **~ [свою] душу** *прост.* гуноҳи сахт кардан

загуде||ть *сов.* ба ғуввосзанӣ даромадан, ба буғзанӣ сар кардан; **ветер ~л** шамол ғуввос зад; **ущелье ~ло от ветра** дара аз вазиши бод ба ғулғула даромад

загудронировать *сов. что* гудронфарш кардан: **~ дорогу** роҳро гудронфарш кардан

загукать *сов. прост.* ба чирросзанӣ даромадан, ба қийғос сар кардан

загул *м прост.* мастӣ, нушонушӣ, бодагусорӣ; давраи майхурӣ

загуливать(ся) *несов. см.* **загулять(ся)**

загулять *сов. прост.* ба мастӣ (ба нушонушӣ, ба майхурӣ) даромадан, бодагусорӣ кардан

загуля||ться *сов. разг.* 1. бисьёр (дуру дароз) сайру гашт кардан; **~ться дотемна** то бевақтии шаб сайру гашт кардан 2. бисьёр дилхушӣ (вақтхушӣ) кардан; **они ~лись на свадьбе** онҳо дар туй дуру дароз вақтхушӣ карданд

гуменинки *тк. мн. обл.* пушти хирмангоҳ, ақиби хирманҷо

загумённый, -ая, -ое *обл.* ...и пушти хирмангоҳ (хирманҷо)

загуменье *с см.* **загуменники**

загустелый, -ая, -ое *разг.* ғализшуда

загусте||ть *сов.* 1. ғализ (ғафс) шудан; **сироп ~л** қиём ғализ шуд 2. *(о растениях)* анбуҳ (зич, ғулӣ) шудан; **лес ~л** ҷангал анбуҳ шуд

загустить *сов. что* 1. *разг.* ғализ (ғафс) кардан; ғализтар (ғафстар) кардан; ~ **клейстер** ширешро ғафстар кардан 2. *с.-х.* анбуҳ (зич, ғулӣ) кардан; ~ **посевы** зич коштан

загуститься *сов.* 1. ғализ (ғафс) шудан; ғализтар (ғафстар) шудан 2. анбуҳ (зич, ғулӣ) шудан

загущать(ся) *несов. см.* **загустить(ся)**

зад *м* 1. *(задняя часть чего-л.)* пушт, пас, ақиб, қафо; *(часть туловища животного)* дунба, капал; *(часть тела человека)* сурин 2. *мн.* **зады** *прост.* пушт-пушти ҳавлиҳо (кучаҳо), паскучаҳо; **мы прошли к реке ~ами** аз паскучаҳо гузашта ба лаби дарьё баромадем 3. *мн.* **зады** *разг.* чизҳои куҳна (маълум); **повторять ~ы** чизҳои маълумро такрор кардан

задабривание *с (по знач. гл.* **задобрить)** дильёбӣ, дил ёфтан(и), бо ягон роҳ ба худ ҷалб (моил) кардан(и)

задабривать *несов. см.* **задобрить**

задавака *м, ж прост.* одами ҳавобаланд, лофзан, боди бурут

задавать *несов. см.* **задать**

задаваться I 1. *несов. см.* **задаться**; 2. *страд.* дода (супорида) шудан

задаваться II *несов. прост.* аз худ рафтан, ҳавобаланд (боди бурут) шудан, калонигарӣ (каттагӣ) кардан

задави||ть *сов.* 1. *кого* зер (пахш) карда куштан; **его чуть не ~ла машина** қариб буд, ки мошин вайро зер карда кушад 2. *кого* буғ (буғи) кардан, хафа кардан; **кошка ~ла цыплёнка** гурба чучаро буғи кард 3. *что перен.* пахш (нест, мағлуб) кардан, фуру нишондан

задавиться *сов. прост.* худро овехтан

задавленность *ж* мазлумӣ; руҳафтодагӣ, афсурдахотирӣ

задавленный, -ая, -ое 1. *прич.* зер карда кушташуда 2. *прил.* мазлум, руҳафтода, афсурдахотир

задавливать *несов. см.* **задавить**

задание *с* супориш, вазифа; **боевое** ~ супориши ҷангӣ; **правительственное** ~ супориши ҳукуматӣ; **домашнее** ~ вазифаи хонагӣ; **дать** ~ вазифа (супориш) додан; **получить** ~ супориш гирифтан

заданн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* додашуда, супоридашуда 2. *прил.* муқаррар, муайян; **сочинение на ~ую тему** иншо дар мавзуи муайян

задаривать *несов. см.* **задарить**

задариваться *несов. страд.* ҳадьяборон (тухфаборон) карда шудан

задарить *сов. кого-что* 1. инъоми (бахшиши) бисьёр додан, ҳадьяборон (тухфаборон) кардан 2. *(подкупить, задобрить)* бо инъому бахшиш моил кардан (ҷалб кардан), дили касеро ба даст овардан

задаром *нареч. прост.* 1. муфт, бепул, ройгон, маҷҷонӣ; **работать** ~ муфт кор кардан // *(очень дешево)* бисьёр арзон, муфт; **купить** ~ бисьёр арзон харидан 2. *(бесполезно)* бефоида, беҳуда, бекора; **пропасть** ~ беҳуда нобуд шудан

задаток *м* 1. байъона, пешпардохт, пули пешакӣ; **внести** ~ байъона додан 2. *мн.* **задатки** *перен.* аломатҳои қобилият, нишонаҳои истеъдод, осори қобилият

задать *сов.* 1. *что* додан, супоридан, андохтан; ~ **работу** кор додан, кор супоридан; ~ **урок** сабақ додан; ~ **страху** ба ваҳшат андохтан 2. *что* муайян (муқаррар) кардан; ~ **направление** самтро муқаррар кардан 3. *что разг.* оростан, барпо кардан; ~ **бал** базм барпо кардан 4. боб кардан, танбеҳ додан; **погоди, я тебе задам!** ҳоло ист, рузатро мебинӣ 5. *что, чего обл.* додан; ~ **овса лошадям** ба аспҳо ем додан ◊ ~ **вопрос** суол додан, пурсидан; ~ **жару (баню, головомойку, пару)** *кому* сарзаниш кардан, танбеҳ (гушмол) додан; ~ **гонку (перцу, звону)** *кому прост.* ҷазо додан, сарзаниш (коҳиш) кардан, танбеҳ додан; ~ **драла (дёру, хода, драпа, тягу, стрекача, стречка)**, ~ **лататы** *прост.* ҷуфтак кашида гурехтан; ~ **тон** ибрат нишон додан; намуна шудан; ~ **храпака (храповицкого)** *прост.* ба хурроккашӣ даромадан

задаться *сов.* 1. *чем* қасд (ният) кардан; ~ **целью** қасд кардан; ~ **мыслью** аз паи фикре шудан 2. тасодуф шудан, муяссар шудан; **ну и денёк сегодня задался!** имруз аҷаб рузе шуд! 3. *чаще с отриц. прост.* барор гирифтан; **их совместная жизнь не задалась** зиндагонии якҷояи онҳо барор нагирифт

задач||а *ж* 1. масъала; **арифметическая ~а** масъалаи арифметики; **шахматная ~а** масъалаи шоҳмот; **решить ~у** масъаларо ҳал кардан 2. вазифа, мақсад; **боевая ~а** вазифаи (супориши) ҷангӣ; **очередная ~а** вазифаи навбатӣ; **ставить себе (перед собой) ~у** дар пеши худ вазифа гузоштан

задачник *м разг.* маҷмуаи масъалаҳо; ~ **по арифметике** маҷмуаи масъалаҳои арифметикӣ

задвигание *с (по знач. гл.* **задвинуть)** даровардан(и), тиққондан(и); банд кардан(и)

задвигать *сов. что, чем* ба ҳаракат овардан; ба ҷунбиш даровардан; ~ **рукой** дастҷунбонӣ кардан

задвигать *несов. см.* **задвинуть**

задвигаться *сов.* ба ҳаракат омадан, ба ҷунбиш даромадан

задвига||ться *несов.* 1. *см.* **задвинуться**; 2. пасу пеш рафтан (ҳаракат кардан); **ящики стола ~ются** ҳезаҳои (куттиҳои) миз пасу пеш мераванд 3. *страд.* дароварда шудан; кашида шудан

задвижка *ж* лукидон, ғалақа; **дверная** ~ ғалақаи дар; **печная** ~ мурибанд

задвижн||ой, -ая, -ое пасу пешшаванда; **~ая рама** чорчубаи пасу пешшаванда

задвинуть *сов. что* 1. даровардан, андохтан, мондан, ғеҷондан; ~ **шкаф в угол** ҷевонро ба гушаи хона ғеҷондан; ~ **чемодан под кровать** ҷомадонро ба таги кат мондан; ~ **ящик стола** қуттии мизро ба ҷояш даровардан 2. кашидан, пушидан, кашида пушидан; ~ **шторы** пардаро кашидан 3. *чем* пушидан, пеши чизеро гирифтан, банд кардан; ~ **дверь шкафом** пеши дарро бо ҷевон банд кардан 4. *разг.* бо лукидон (бо ғалақа) бастан; ~ **дверь засовом** ғалақаи дарро бастан

задвину||ться *сов* ба ҷои худ даромадан, даромадан; **ящик стола легко ~лся** қуттии миз осон ба ҷояш даромад

задвои||ться *сов.* дута (ҷуфт) намудан; **в глазах ~лось** *чаще безл.* ба чашм ҳар чиз дута менамуд

задворк||и *тк. мн.* пушти ҳавли, ҳота, майдони пушти ҳавлӣ // *перен.* ҷои дурдаст, хилват ◊ **на ~ах** дар мавқеи паст (дуюмдараҷа)

задевать I *несов. см.* **задеть**

задева||ть II *сов. что разг.* гузоштан, мондан, партофтан; **куда я очки ~л?** айнакамро ба куҷо монда бошам?

задеваться I *несов. страд.* расонда шудан

задева||ться II *сов. разг.* шудан, рафтан; **куда ~лись ножницы?** қайчӣ куҷо шуд?

задел *м разг.* 1. кори карданӣ, кори иҷрошаванда 2. захира; **нормативы ~ов в строительстве** меъёрномаи захираҳои сохтмон; **создать ~ы на будущее** барои оянда захира ҷамъ кардан

заделать *сов. что* дарзбанди кардан; пур карда ҳамвор (тахт) кардан; ~ **щели** шикофҳоро пур карда ҳамвор кардан ◊ ~ **семена** тухмро кошта хокпош кардан

заделаться *сов. кем разг.* гардидан, шудан, шуда рафтан; ~ **заправским оратором** нотиқи моҳир шуда рафтан

заделка *ж (по знач. гл.* **заделать)** дарзбандӣ, пур карда тахткунӣ; ~ **трещин** пур карда тахткунии шикофҳо

заделывание *с см.* **заделка**

заделывать *несов. см.* **заделать**

заделываться *несов. страд.* дарзбандӣ карда шудан; пур карда ҳамвор шудан

задёрганность *ж* озурдагӣ, озурда будан(и), азияткашида будан(и)

задёрганный, -ая, -ое 1. *прич.* озурдашуда 2. *прил. перен. разг.* озурда, азиятдида, ранҷдида; ~ **человек** одами озурда

задёрга||ть I *сов. кого* 1. лаҷом кашидан, лаҷом задан *(аспро)* 2. *перен. разг. (измучить)* озурдан, азият додан; **его совсем ~ли** уро тамоман азият доданд

задёрга||ть II *сов.* 1. *(начать дёргать)* ба кашидан сар кардан, ҷунбондан гирифтан; **~ть вожжами** ҷилавро ба кашидан сар кардан; **лошадь ~ла ушами** асп гушҳояшро ҷунбондан гирифт 2. *безл. кого-что* паридан гирифтан, ба ихтилоҷ даромадан; **глаз ~ло** чашм паридан гирифт

задёргаться *сов.* паридан гирифтан

задёргивать *несов. см.* **задёрнуть**

задёргиваться *несов.* 1. *см.* **задёр-**

нуться; 2. *страд.* кашида шудан, пӯшида шудан

задеревенел||ый, -ая, -ое *разг.* 1. дурушт, шахшул 2. карахт, беҳис, шах; **~ые от холода руки** дастҳои аз хунукӣ карахтшуда

задеревене||ть *сов. разг.* 1. дағал (дурушт, шахшул) гардидан (шудан) 2. карахт (шах) шудан; **руки ~ли от холода** дастҳо аз хунукӣ карахт шуданд

задержание *с* 1. (*по знач. гл.* **задержать**) боздоштан(и), андармон кардан(и); дастгир кардан(и), доштан(и); **~ снега** барфнигоҳдорӣ; **~ талых вод** нигоҳ доштани оби барф; **~ преступника** дастгир кардани ҷинояткор 2. қабзият; **~ мочи** қабзияти бавл

задержать *сов.* 1. *кого-что* боздоштан, нигоҳ доштан; андармон кардан, даст гирифтан; **~ поезд** поездро даст гирифтан; **его задержали дела** кор вайро андармон кард 2. *что* ба таъхир андохтан, мавқуф гузоштан; **дождй задержали сев** боронгарӣ киштро ба таъхир андохт 3. *что* дер монондан, суст кардан, боздоштан; **~ дыхание** нафаскаширо боздоштан; **~ шаги** қадамро суст кардан; **~ развитие чего-л.** монеи тараққии чизе шудан 4. *что* дар вақташ надодан; нигоҳ доштан; ба таъхир андохтан; **~ зарплату** маошро дар вақташ надодан 5. *кого-что* дастгир кардан, доштан, ҳабс кардан; **~ преступника** ҷинояткорро дастгир кардан ◇ **~ взгляд** *на ком-чём* чашм (назар) духтан, синча кардан; **~ чьё-л. внимание** *на чём* диққати касеро ҷалб кардан

задержаться *сов.* 1. таъхир кардан, дер мондан, маътал (андармон) шудан; **~ в дороге** дар роҳ андармон шудан 2. истодан, истода мондан, таваққуф кардан; **~ у ворот дома** дар пеши дарвозаи ҳавлӣ таваққуф кардан 3. суст шудан, истодан, хоб кардан; **развитие ребёнка задержалось** сабзиши бача суст шуд

задерживание *с см.* **задержание**

задерживать *несов. см.* **задержать**

задерживаться *несов.* 1. *см.* **задержаться**; 2. *страд.* нигоҳ дошта шудан; ба таъхир андохта шудан; дастгир карда шудан

задерж||ка *ж* 1. (*по знач. гл.* **задержать** 1. 2) монондан(и), нигоҳ доштан(и); мавқуф гузоштан(и); боздоштан(и) 2. андармонӣ, таъхир; таваққуф; **~ка в пути** андармонӣ дар роҳ; **ответить на письмо без ~ки** ба мактуб бе таъхир ҷавоб додан

задёрнуть *сов. что* 1. кашидан, пушидан, пӯшондан; **~ занавеску** пардаро кашидан 2. *чем перен.* фаро гирифтан, пӯшидан

задёрну||ться *сов.* 1. кашида шудан, пушида шудан; **занавес ~лся** парда пӯшида шуд 2. *чем перен.* фаро гирифта шудан, пӯшида шудан

задеть *сов. кого-что* 1. *тж. за что* расида (зада) гузаштан, дармондан, андармон шудан, бархурдан; **~ за гвоздь** ба мех бархурдан; **пуля задела кость** тир ба устухон расида гузашт 2. *перен.* (*в разговоре*) зикр кардан, дахл кардан; **в своём докладе он слегка задел этот вопрос** у дар маърузааш ба ин масъала андаке дахл кард 3. *перен.* сахт расидан, ба ҷои расондан, музтариб кардан, ранҷондан, гап расондан; **его выступление меня сильно задело** сухани вай ба ман бисьёр таъсир кард; **~ любопытство** раги кунҷковиро ба ҷунбиш овардан; **~ чьё-л. самолюбие** ба иззати нафси касе расидан ◇ **~ больную (чувствительную) струну** ба ҷои нозук расидан; **~ за живое кого-л.** ба қитиқи касе расидан, касеро музтариб кардан

задешево *нареч. прост.* бисьёр арзон, муфт, ройгон

задира *м, ж разг.* ҷангара, ҷанҷолӣ, арбадаҷӯ

задирать *несов.* 1. *см.* **задрать**; 2. *кого-что разг.* (*дразнить*) тез кардан; сӯз (ҷизҷизак) додан, ба ҷанҷол таҳрик кардан

задираться *несов.* 1. *см.* **задраться** 1; 2. *разг.* (*приставать*) часпидан, арбадаҷӯӣ кардан, чаққидан 3. *страд.* дарронда шудан

задиристо *нареч.* маншаталабона, ҳангоматалабона

задиристость *ж разг.* маншаталабӣ, ҳангоматалабӣ, шурапуштӣ; **он отличался ~ю и упрямством** ӯ дар ҳангоматалабӣ ва якраҳагӣ машҳур буд

задиристый, -ая, -ое (задирист, -а, -о) *разг.* маншаталаб, арбадаҷӯ, ҷангара, ҷанҷолӣ; **~ характер** феъли маншаталабӣ

задича||ть *сов. разг.* 1. хароб шудан, бе нигоҳубин мондан; **лес ~л** ҷангал хароб шуд 2. (*о человеке*) ваҳшӣ шудан

задне: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ақиб», «пас», «пушт»:* **задненёбный** пасикомӣ; **заднеязычный** пуштизабонӣ

задн||ий, -яя, -ее 1. ...и ақиб, ...и қафо, ...и охир, охирин, пасин; **~ий вагон** вагони охирин; **~ие ряды** сафҳои ақиб 2. (*обратный по направлению*) ақиб, пас; **дать ~ий ход** ақиб рафтан, пас гаштан ◇ **~яя мысль** фикри пинҳонӣ; **без [всякой] ~ей мысли** беғаразона, самимона; **~ий проход** *анат.* мақъад; **~им числом** 1) бо санаи гузашта; **пометить письмо ~им числом** дар мактуб санаи гузаштаро мондан 2) (*спустя некоторое время*) бевақттар, баъдтар, сонитар; **сообразить ~им числом** сонитар фаҳмидан; **без ~их ног** *прост.* аз по мондан, аз по афтодан, бисьёр шалпар шудан; **спать без ~их ног** *прост.* мурдавор хобидан; **на ~ий план** ба ҷои дуюм (дуюмдараҷа); **стать на ~ие лапки** *перед кем* хушомадгуӣ кардан, лаганбардорӣ кардан

задник *м* 1. пушти пойафзол; **туфли без ~ов** кафши бе пушт (пуштяла) 2. *театр.* декорацияи паси саҳна

задобрить *сов. кого-что разг.* дили касеро нарм кардан (ёфтан), ба дили касе роҳ ёфтан, касеро ба худ моил (ҷазб) кардан

задождить *сов. безл. разг.* ба боридан сар кардан

задок *м* 1. *уменьш. к* **зад** дунбача 2. (*повозки и т. п.*) пушт; **~ саней** пушти чана; **~ телеги** пушти ароба // (*спинка у мебели*) такья; **~ кресла** такьяи курсӣ 3. *см.* **задник** 1

задолби||ть *сов.* 1. *кого-что* нул зада куштан; **петух ~л жука** хурус гамбускро нул зада кушт 2. *разг.* тӯтивор ҳифз кардан, маъниро нафаҳмида аз ёд кардан; **~ть урок** дарсро нафаҳмида аз ёд кардан ◇ **~ть себе** *что* якраҳагӣ (якравӣ) кардан

задолго *нареч.* хеле барвақт, муддатҳо пеш; **~ до отхода поезда** аз рафтани поезд хеле пеш (барвакт); **подняться ~ до рассвета** аз субҳидам хеле пеш хестан

задолжать *сов. что и без доп. разг.* қарздор шудан, қарз гирифтан

задолженность *ж* қарз, қарздорӣ, мадьюнӣ; **погасить ~** қарзро адо кардан

задом *нареч.* пуштнокӣ, ақибнокӣ, қафонокӣ; **пятиться ~** қафонокӣ рафтан, тус шудан ◇ **~ наперёд** чаппа, воруна; **надеть платье ~ наперёд** куртаро чапда пушидан

задор I *м* ғайрат, ғайратмандӣ, шавқу завқ, ҳиддат; **с юношеским ~ом** бо ғайрати ҷавонӣ

задор II *м см.* **задорина**

задорина *ж* харош, ҷои харошидашуда; **доска с ~ми** тахтаи харошдор

задоринк||а *ж уменьш. к* **задорина** ҷои андак харошидашуда ◇ **без сучка без ~и, без сучка и ~и** бе ҳеҷ мушкилӣ, бе ҳеҷ монеа; **ни сучка ни ~и** бе айбу нуқс, бе каму кост

задористый, -ая, -ое (задорист, -а, -о) *прост. см.* **задорный**

задорно *нареч.* бо ғайрат, бо рӯҳбаландӣ, бо шавқу завқ, бо ҳарорат; **~ спорить** бо шавқу завқ баҳс кардан

задорн||ый, -ая, -ое (задор|ен, -на, -но) шӯх, пуршавқ, боҳарорат, шавқангез; **~ая песня** суруди шӯх; **~ая улыбка** табассуми шавқангез; **~ый взгляд** нигоҳи шӯхшанг

задохнуться *сов. прост.* вайрон шудан (*аз камии ҳаво*)

задохнуться *сов.* нафасгир (нафастанг) шудан, нафас гашта мурдан; **~ от угара** аз ғубори ангишт нафас гашта мурдан; **~от волнения** аз ҳаяҷон нафастанг шудан

задразнить *сов. кого разг.* ба ғазаб оварда азият додан, ба шӯр оварда азоб додан

задраивать *несов. см.* **задраить**

задраиваться *несов. страд.* баста (маҳкам) шудан

задраить *сов. что мор.* бастан, маҳкам кардан; **~ люки** люкҳоро маҳкам кардан

задрапировать *сов. кого-что* бо парда пушидан (пӯшондан); **~ окна и двери портьерами** дару тирезаҳоро бо парда пушондан

задрапирова́ться *сов. во что, чем* ба тан матои васеъ печондан

задрапиро́вывать *несов. см.* **задрапирова́ть**

задрапировываться *несов.* 1. *см.* **задрапирова́ться**; 2. *страд.* бо парда пушида (пушонда) шудан

задрать *сов.* 1. *что разг.* баланд (боло) бардоштан, боло кардан; ~ **го́лову** сарро боло кардан 2. *что* барзадан, нифа задан, гардонидан; ~ **пла́тье** домани куртаро барзадан 3. *что* кандан, харошидан, ханҷол кардан; ~ **ко́жицу на па́льце** пусти ангуштро харошидан 4. *кого-что* даррондан, пора кардан, кафондан; **волк задрал овцу́** гург гусфандро даррондан 5. *кого* зада куштан, қамчинкорӣ кардан; ~ **ро́згами** қамчинкори карда куштан ◇ ~ **нос** *перед кем прост.* мағрур (ҳавобаланд) шудан, фукро ба осмон бардоштан; ~ **хвост** *груб. прост.* аз худ рафтан, ҳеҷ касро писанд накардан, мутакаббир шудан

задра́||ться *сов. разг.* 1. бардошта шудан, [қат шуда] боло шудан; **руба́ха** ~**ла́сь** курта боло шуд 2. хестан; **кора** ~**ла́сь** пусти дарахт хест

задребезжать *сов.* ба ҷиринг-ҷиринг (ба ҷаранг-ҷаранг) даромадан, ҷарангидан

задремать *сов.* пинак рафтан

задрёмывать *несов. см.* **задремать**

задро́гнуть *сов. прост.* хунук хурдан, шамол кашидан

задрожа́ть *сов.* ба ларзиш омадан, ба ларза даромадан

за́друга *ж* задруга (1. *ист. общинаи ибтидоии оилавии славянҳои ҷанубӣ* 2. *кооперативи истеҳсолотии хоҷагии қишлоқ дар Югославия)*

задубе́л||ый, -ая, -ое *прост.* дурушт- [шуда], шахшул[шуда]; ~**ые ру́ки** дастҳои шахшул

задубенеть *сов. см.* **задубе́ть**

задубе́||ть *сов. прост.* дурушт (шахшул, дағал, сахт) шудан; **ко́жа** ~**ла** пуст сахт шуда монд

задувание *с* (*по знач. гл.* **задуть** I) пуф карда куштан(и)

задува́ть I, II *несов. см.* **задуть** I, II

задува́||ть III *несов.* 1. *(дуть — о ветре)* вазидан 2. вазида даромадан; **в трубу** ~**ет** *безл.* шамол ба дудкаш медароянд 3. *что (заносить дуновением)* руфта овардан *(оид ба шамол)*

заду́вка *ж* (*по знач. гл.* **задуть** II) даргирондан(и), равшан кардан(и); ~ **до́менной печи** даргирондани кураи домна

заду́мать *сов. что* 1. *тж. с неопр.* ба фикр (ба хаёл) афтодан, ба қарор омадан, ният кардан; ~ **поездку в го́ры** ба хаёли сафари кӯҳистон афтодан 2. аз дил гузарондан; ~ **число** ададро аз дил гузарондан

заду́маться *сов.* 1. *над чем, о чём и без доп.* ба фикру хаёл фуру рафтан, ба фикр рафтан, фикр (андеша, мулоҳиза) кардан, андешидан; **глубоко** ~ ғарқи андеша шудан 2. *чаще с отриц. с неопр. (заколебаться)* дудила шудан, мутараддид шудан; **не заду́мавшись** бе дудилагӣ

заду́мчиво *нареч.* бо андеша, бо фикру хаёл

заду́мчивост||ь *ж* андешамандӣ, ба фикр фурурави; **в** ~**и** ғарқи хаёлот шуда; **впасть (погрузиться) в** ~**ь** ба фикр фуру рафтан

заду́мчив||ый, -ая, -ое (задумчив, -а, -о) андешаманд(она), мутафаккирона; ~**ый челове́к** одами андешаманд; ~**ый вид** намуди мутафаккирона // *(располагающий к размышлениям)* хаёлангез; ~**ая пе́сня** суруди хаёлангез

задумывать *несов. см.* **заду́мать**

заду́мыва||ться *несов.* 1. *см.* **задуматься; не** ~**ясь** бе дудилагӣ 2. *уст. прост. (впадать в меланхолию)* ба маъюсӣ афтодан, андуҳгин (маҳзун) шудан 3. *страд.* ният карда шудан; аз дил гузаронда шудан

задурить I *сов. кого-что прост. (сбить с толку)* гаранг (саргаранг) кардан; ~ **го́лову кому́-л.** касеро саргаранг кардан

задури́ть II *сов. разг. (начать дурить)* бемаънигӣ (рафторҳои хунук, аҳмақӣ) сар кардан

задурманивать *несов. см.* **задурманить**

задурманить *сов. кого-что* гаранг (гиҷ) кардан

заду||ть I *сов. что (погасить)* пуф карда куштан, пуф карда хомуш кардан, вазида хомуш кардан; ~ **свечу́** шамъро пуф карда хомуш кардан; **ве́тер** ~**л костёр** бод вазида хирмани оташро хомуш кард

заду́ть II *сов. что тех.* даргирондан, дамида даргирондан; ~ **до́мну** кураи домнаро дамида ба кор даровардан

заду́ть III *сов. разг. (начать дуть)* ба вазидан сар кардан, шуруъ ба вазидан кардан

задуше́вно *нареч.* самимона, аз сидқи дил

задушевность *ж* самимият, садоқат

задуше́вн||ый, -ая, -ое самими, ҷонӣ, дамсоз; ~**ый друг** дусти ҷонӣ; ~**ая пе́сня** суруди дилнишин // *(сокровенный)* ниҳонӣ, маҳрамона; самимона; ~**ая бесе́да** суҳбати самимона

задушить *сов.* 1. *кого* буғӣ (хафа) карда куштан, буғӣ (хафа) кардан 2. *что перен.* нест (бартараф) кардан; ~ **тоску** ғаму ғуссаро бартараф кардан 3. *что разг. (заглушить — о растениях)* пахш (зер) кардан ◇ ~ **в объятиях** *кого* сахт (танг) ба оғуш гирифтан

задушиться *сов. прост.* худро овехта куштан

задымить I *сов. что (закоптить)* дудолуд кардан; ~ **потолок** шифтро дудолуд кардан

задыми́ть II *сов. (начать дымить)* ба дудкунӣ сар кардан, дуд кардан

задымиться I *сов. разг. (закоптиться)* аз дуд сиёҳ шудан, дудолуд шудан

задыми́ться II *сов. (начать дымиться)* ба дудкунӣ сар кардан

задымление *с* (*по знач. гл.* **задымить** I) дудолуд кардан(и); (*по знач. гл.* **задымиться** I) аз дуд сиёҳ шудан(и)

задымлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* дудолуд кардашуда 2. *прил.* дудолуд; ~**ые сте́ны** деворҳои дудолуд

задыха́ться *несов.* 1. нафасгир (нафастанг) шудан, ба зур нафас кашидан; ~ **от гне́ва** аз ғазаб нафасгир шудан 2. *(умирать)* нафас гашта мурдан *(аз камии ҳаво, аз дуд)* 3. *перен.* ҷон ба лаб расидан, азоб кашидан; ~ **под бре́менем забот** дар зери ташвиш мондан, ба сутух (ба танг, ба дод) омадан

задышать *сов.* ба нафаскашӣ даромадан, шуруъ ба нафаскашӣ кардан

заегози́ть *сов. разг.* 1. ба ҷунбуҷӯл даромадан 2. *перен.* ба чоплусӣ даромадан

заедать(ся) *несов. см.* **зае́сть(ся)**

зае́дки *тк. мн. обл.* ширавор, ширинӣ *(барои ҳазми таом хурда мешавад)*

заёжиться *сов. разг.* ба печутобхурӣ даромадан

зае́зд *м* 1. (*по знач. гл.* **заехать** 1—4) даромадан(и); ғоиб шудан(и); **команди́ровка в Москву́ с** ~**ом в Яросла́вль** командировкаи Москва бо даромадан ба Ярославль 2. *спорт.* навбат, давра *(дар пойга)*; **полуфинальный** ~ **велосипеди́стов** давраи нимфиналии (пеш аз охирини) пойгаи велосипедронон

зае́здить *сов. кого разг.* 1. тозонда (бисьёр савор шуда) аз кор баровардан; ~ **лошадь** аспро тозонда аз кор баровардан 2. *перен.* сахт монда кардан, азоб додан, ба ҷон расондан

зае́здка *ж спорт.* аспро ба саворӣ омухтан(и)

зае́здом *нареч. прост.* дар асной (дар сари) роҳ; **он был в Москве только** ~ вай ба Москва фақат дар сари роҳ даромада буд

заезжать *несов. см.* **зае́хать**

зае́зженн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тозонда аз кор баровардагӣ 2. *прил.* азкорбаромада, шалпаршуда; ~**ая ло́шадь** аспи азкорбаромада 3. *прил. перен.* забонзад[шуда], обшуста, мубтазал; ~**ые остро́ты** латифаҳои обшуста

зае́зжий, -ая, -ее роҳгузар, мусофир; ~ **гость** меҳмони роҳгузар ◇ ~ **дом (двор)** *уст.* корвонсарой, работи сари роҳ

заёка||ть *сов. разг.* ба гуп-гупзанӣ сар кардан; гуп-гуп задан; **се́рдце у меня вдруг** ~**ло** дилам ногоҳ гуп-гуп зад

заелозить *сов. прост.* ба гавак (ба пилмидан) сар кардан, ба гаваккашӣ даромадан

заём *м* 1. заём; **облигации госуда́рственного займа** облигацияҳои заёми давлатӣ; **выпустить** ~ заём баровардан 2. *разг.* қарз; **взять де́ньги под** ~ пул қарз гирифтан

заёмн||ый, -ая, -ое 1. ...и заём; ~**ый проце́нт** фоизи заём 2. *(взятый в долг)* ...и қарз; ~**ые де́ньги** пули қарз

заёмщик *м уст. обл.* қарзбардор, қарзгир, вомгир

заёрзать *сов. разг.* беором (беқарор) шудан

заесть *сов.* 1. *кого* кафондан, даррондан; **волк заел овцу** гург гусфандро дарронд // *(о насекомых)* газида безор кардан; **мухи заели** магасҳо газида безор карданд 2. *кого перен. разг.* ғинггос зада безор кардан, ба ҷон расондан; ~ **попрёками** бо таъная маломат безор кардан 3. *что чем (закусить)* хурдан, даҳонро ширин кардан; ~ **лекарство конфетой** аз болои дору конфет хурдан 4. *чаще безл. что разг.* дармондан, андармон шудан; **трос заело** арғамчини сим (симтаноб) дармонд 5. *безл. кого прост. (задеть, взволновать)* халондан, ранҷондан ◇ ~ **век (жизнь)** *кого, чей (чью) прост.* аз ҷон (аз умр) безор кардан, ба танг (ба сутух) овардан

заесться *сов. прост.* зуккахур шудан, бамазахурак шудан

заехать *сов.* 1. болои роҳ (роҳгузар шуда, дар сари роҳ) даромадан; ~ **к знакомым** дар сари роҳ ба пеши ошноҳо даромадан; ~ **по пути** роҳгузар шуда даромадан // *за кем-чем* барои касе (чизе) омадан; **он заедет за мной рано утром** у барои гирифта бурдани ман пагоҳии барвақт меояд // *во что* даромадан; ворид шудан; ~ **во двор** ба ҳавлӣ даромадан 2. даромада рафтан; ~ **в глубь леса** ба даруни ҷангал даромада рафтан 3. *(подъехать со стороны)* аз як тараф (су) даромадан; ~ **со стороны сада** аз тарафи боғ даромадан 4. *за что* тоб хурда ба тарафе гаштан, дар пушти чизе ғоиб шудан; ~ **за угол** дар хамгашти куча ғоиб шудан 5. *во что, по чему и без доп. прост.* задан; ~ **кому-л. по физиономии** ба башараи касе фаровардан ◇ **далеко (не туда)** ~ *прост.* беҷо (бемаврид) гап задан

зажаривать *несов. см.* **зажарить**

зажариваться *несов.* 1. *см.* **зажариться**; 2. *страд.* бирьён карда шудан, пухта шудан

зажарить *сов. что* бирьён (кабоб) кардан, пухтан; ~ **рыбу** моҳиро бирьён кардан

зажари||ться *сов.* бирьён (кабоб) шудан, пухтан; **баранина** ~**лась** гушти гусфанд бирьён шуд

зажатие *с (по знач. гл.* **зажать** I) фишор, фишордиҳӣ, исканҷа

зажать *сов.* 1. *кого-что (стиснуть)* фишурдан, таҳти фишор қарор додан, пахш кардан, исканҷа кардан; ~ **в руке монету** тангаро дар даст фишурдан; ~ **папиросу в зубах** папиросро ба дандон газидан // *(сжать со всех сторон)* фишор овардан; **его совсем зажали в толпе** уро дар байни издиҳом сахт фишор доданд; ~ **противника в клещи** душманро миёнгир кардан 2. *что перен. прост. (утаить)* густ (пинҳон) кардан *(одатан пулро)* 3. *что (плотно закрыть)* бастан, маҳкам кардан; ~ **отверстие** шикофро бастан; ~ **уши** гушро маҳкам кардан; ~ **нос** биниро маҳкам кардан 4. *что перен. разг.* пахш кардан, фуру нишондан, буғӣ кардан; ~ **критику** танқидро буғӣ кардан ◇ ~ **рот кому-л.** *прост.* даҳони касеро бастан, манъи сухан кардан; ~ **в кулак (в кулаке) кого-л.** касеро мутеи худ кардан; ~ **в тиски** 1) *воен.* душманро иҳота кардан 2) зери даст кардан

заждаться *сов. кого-чего разг.* бисьёр нигарон (мунтазир, маътал) шудан

зажевать *сов.* ба хондан сар кардан

зажелте||ть *сов.* 1. *(начать желтеть)* зардчатоб шудан гирифтан; **листья** ~**ли** баргҳо зард шуда истодаанд // *(стать жёлтым)* зард шудан, заб-зард шудан 2. *(показаться — о жёлтом)* зардча намудан, зард тофтан; **вдали** ~**ли поля пшеницы** аз дур гандумзор намоён шуд

зажелтеться *сов. разг. см.* **зажелтеть**

зажелтить *сов. что разг.* зардранг кардан, ба ранги зард олуда кардан, заъфаронӣ кардан

зажелтиться *сов. разг.* зардранг шудан, ба ранги зард олуда шудан, заъфаронӣ шудан

зажеманиться *сов. разг.* ба нозу ишва даромадан, нозу карашма сар кардан

зажестикулировать *сов.* имову ишора сар кардан

зажечь I *сов.* 1. *что* даргирондан, гирондан, [оташ] афрухтан; ~ **лампу** чароғро даргирондан; ~ **спичку** гугирдро даргирондан 2. *кого-что перен.* ба шавқ (ба ваҷд) овардан, ба ҷушу хуруш (ба ҳаяҷон) овардан; ~ **слушателей** шунавандагонро ба шавқ овардан 3. *что в ком-чём* бедор кардан, пайдо кунондан, ба вуҷуд овардан; ~ **любовь к музыке** ба мусиқӣ муҳаббат пайдо кунондан

зажечь II *сов. безл. (начать жечь)* ба сузиш даромадан; **в больной руке нестерпимо зажгло** дасти дардпок сахт ба сузиш даромад

зажечься *сов.* 1. даргирифтан, фурузон шудан; **в домах зажглись огни** дар хонаҳо чароғҳо даргирифтанд 2. *перен.* дурахшидан, ҷило додан; **в небе зажглись звёзды** дар осмон ситораҳо дурахшиданд; **её глаза зажглись радостью** чашмонаш аз шодӣ дурахшид 3. *чем и без доп. перен. (воодушевиться)* ба шавқ (ба ҷуш) омадан, ба ҷушу хуруш омадан, руҳ гирифтан 4. *перен.* пайдо шудан, ба вуҷуд омадан, шуълавар шудан; **в нём зажглось желание учиться** дар дили вай майли хондан пайдо шуд

зажжение *с (по знач. гл.* **зажечь** I 1) даргирондан(и), афрухтан(и); ~ **Олимпийского огня** афрухтани Оташи Олимпӣ

заживание *с (по знач. гл.* **зажить** I) сиҳатшавӣ, ба ҳам омадан(и); ~ **раны** ба ҳам омадани ҷароҳат

заживать I, II *несов. см.* **зажить** I, II

заживаться *несов. см.* **зажиться**

заживить *сов. что разг.* дармон (сиҳат) кардан; ~ **рану** ҷароҳатро дармон кардан

заживиться *сов. разг.* дуруст (сиҳат) шудан, ба ҳам омадан

заживление *с (по знач. гл.* **заживить**) дармон (сиҳат) кардан(и); *(по знач. гл.* **заживиться**) ба ҳам омадан(и)

заживлять *несов. см.* **заживить**

заживляться *несов.* 1. *см.* **заживиться**; 2. *страд.* дармон (сиҳат) карда шудан

заживо *нареч.* зинда ба зинда; ~ **похоронить** *кого* зинда ба зинда гур кардан ◇ ~ **похоронить себя** *уст.* гушанишинӣ (узлат) ихтиёр кардан, кунҷи узлат гузидан

зажигалка *ж* 1. зажигалка, оташафрузак 2. *разг. (бомба)* бомбаи оташзананда (оташзо)

зажигание *с* 1. *(по знач. гл.* **зажечь** I 1) афрузиш, даргиронӣ, гирондан(и); ~ **огня** гирондани (афрухтани) оташ 2. *тех.* асбоби афрузиш *(дар муҳаррикҳои дарунсуз)*; **включить** ~ асбоби афрузишро ба кор андохтан

зажигательно *нареч.* ҳаяҷоновар, шавқовар, оташин, пурҳарорат; ~ **говорить** ҳаяҷоновар гап задан

зажигательность *ж* оташинӣ, ҳаяҷоноварӣ, шавқоварӣ, пурҳароратӣ

зажигательн||ый, -ая, -ое (зажигате|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* оташзананда, оташзо, даргиронанда, сузонанда; ~**ая бомба** бомбаи оташзананда (оташзо) 2. *перен.* оташин, пурҳарорат, ҳаяҷоновар, шавқовар; ~**ая речь** нутқи оташин

зажигать *несов. см.* **зажечь** I

зажигаться *несов.* 1. *см.* **зажечься**; 2. *страд.* даргиронда (афрухта) шудан

зажиливать *несов. см.* **зажилить**

зажилить *сов. что прост.* қарзро адо накардан, хурда рафтан

зажим *м* 1. *(по знач. гл.* **зажать**) фишор, фишордиҳӣ, исканҷа, буғӣ кардан(и); ~ **критики** буғӣ кардани танқид 2. *тех.* исканҷа; **винтовой** ~ исканҷаи печдор

зажимание *с см.* **зажим** I

зажимать *несов. см.* **зажать**

зажиматься *несов. страд.* фишор дода шудан, пахш карда шудан, баста шудан; буғӣ карда шудан

зажимистый, -ая, -ое (зажимист, -а, -о) *прост.* хасис, мумсик, сахтдаст; ~ **человек** одами сахтдаст

зажимка *ж разг. см.* **зажим**

зажимн||ый, -ая, -ое фишордиҳанда, ...и фишор, ...и исканҷа; ~**ое устройство** асбоби фишор

зажимщик *м разг.* буғикунанда, пахшкунанда; ~ **критики** буғикунандаи танқид

зажин *м обл. (начало жатвы)* аввали дарав

зажинать *несов. что и без доп. обл. (приступать к жатве)* даравро сар кардан, ба дарав шуруъ кардан

зажирéлый, -ая, -ое *разг.* фарбеҳ, чарбубаста

зажирéть *сов. разг.* 1. фарбеҳ шудан, равған зер кардан, чарбу бастан 2. *перен. прост.* (*разбогатеть*) бой шудан, бадавлат шудан, сарватманд шудан

зажúточно *нареч.* осудаҳолона, дар серию пурӣ; **жить** ~ осудаҳолона зистан

зажúточность *ж* осудаҳолӣ, некӯаҳволӣ, серию пурӣ; ~ **колхóзной дерéвни** некӯаҳволии сокинони деҳаи колхоз

зажúточн||ый, -ая, -ое (зажúточ|ен, -на, -но) осудаҳол(она), дар серию пурӣ, бадавлат; ~**ый колхóз** колхози бадавлат; ~**ая жизнь** зиндагии серию пурӣ

зажú||ть I *сов.* дуруст (сиҳат) шудан, ба ҳам омадан; **его ногá ~лá** пояш дуруст шуд; **рáна ~лá** ҷароҳат ба ҳам омад

зажúть II *сов. что уст. прост.* 1. пул кор кардан (*мардикорӣ карда*) 2. кор карда қарзро адо кардан

зажúть III *сов.* (*начать жить*) зиндагӣ сар кардан; ~ **по-нóвому** зиндагиро ба таври нав сар кардан

зажúться *сов. разг.* умри ниҳоят дароз дидан, пири фартут шудан

зажмýривать(ся) *несов. см.* **зажмýрить(ся)**

зажмýрить *сов. что* нимпӯш (нимкоф) кардан; ~ **глазá** 1) чашмро нимпӯш кардан 2) *перен.* аз чизе қатъи назар кардан, ба назар (ба эътибор) нагирифтан, эътино накардан

зажмýриться *сов.* чашмро нимпӯш (нимкоф) кардан

зажóр *м*, **зажóра** *ж обл.* 1. (*скопление льдин*) ҷамъ шудани яхпораҳо, хирмани яхпораҳо 2. (*подснежная вода*) оби таги барф, оби тарма

зажужжáть *сов.* ба виззосзанӣ сар кардан, шурӯъ ба виз-виз кардан

зажýливать *несов. см.* **зажýлить**

зажýливаться *несов. страд.* бо фиреб аз худ карда шудани чизе

зажýлить *сов. что прост.* бо фиреб *чизеро* гирифта надодан, *чизеро* бо фиреб аз худ кардан

зажурчáть *сов.* ба шилдиррос даромадан

зажýх||нуть *сов.* 1. (*поблёкнуть — о красках*) хира шудан, паридан; **крáски ~ли** рангҳо парида рафтанд 2. (*о траве, листьях*) хушкидан, пажмурдан, бетаровaт шудан 3. *прост.* (*стать жёстким*) шахшӯл (сахт) шудан; **парусúна намóкла и ~ла** кандир тар ва шахшул шуд

зазвáть *сов. кого-что разг.* чеғ зада овардан, даъват кардан; ~ **в гóсти** ба меҳмонӣ чеғ зада овардан

зазвенé||ть *сов.* ба ҷарангосзанӣ даромадан; **стёкла ~ли** шишаҳо ҷарангос заданд; ~**ли дéтские голосá** садои зангӯлавори бачагон баланд шуд // *чем* ба ҷарангос занондан сар кардан, ба ҷаранг-ҷурунг шурӯъ кардан; **кóни ~ли удилáми** аспҳо сулукашоиро ҷарангос занонданд

зазвóнистый, -ая, -ое (зазвóнист, -а, -о) *прост.* ҷарангосӣ, чирингосӣ

зазвонúть *сов.* ба зангзанӣ сар кардан, ба ҷарангосзанӣ (ҷаранг-ҷурунг) даромадан

зазвучá||ть *сов.* садо баровардан; ба гӯш расидан, баланд шудан; ~**ла мýзыка** садои мусиқӣ ба гӯш расид // *перен.* ҳис шудан; **в её словáх ~ла грусть** дар суханони вай оҳанги ҳузн ҳис шуд

зазвя́ка||ть *сов.* ба ҷарангосзанӣ (ҷаранг-ҷурунг) даромадан; ~**ла посýда** зарфҳо ҷарангос заданд // *чем* ба ҷарангос занондан сар кардан

заздрáвн||ый, -ая, -ое: ~**ый тост** сухани сари қадаҳ, нутқи қадаҳбардорӣ; ~**ая чáша**, ~**ый кýбок** қадаҳи саломатии сари касе

зазевáть *сов. разг.* ба хамьёзакашӣ сар кардан

зазевáться *сов. разг.* гаранг (ҳайрон) шуда мондан; ~, **переходя́ ýлицу** аз кӯча гаранггаранг гузаштан // (*засмотреться*) бо ҳавоси парешон нигаристан; ~ **по сторонáм** бо ҳавоси парешон ба атроф чашм давондан

зазеленé||ть *сов.* 1. (*начать зеленеть*) сабз шудан гирифтан // (*стать зелёным*) сабз шудан; **прошёл дождь, и ози́мые ~ли** борон борид ва киштҳои тирамоҳӣ сабз шуданд 2. (*показаться — о зелёном*) сабз тофтан; **за поворóтом дорóги ~ли лугá** дар хамгашти роҳ марғзор сабз метофт

зазеленúть *сов. что разг.* сабзранг кардан, ба ранги сабз олуда кардан; ~ **плáтье** куртаро бо доғҳои сабз олуда кардан

зазеленúться *сов. разг.* сабзранг шудан, ба ранги сабз олуда шудан

заземлéние *с* 1. (*по знач. гл.* **заземлúть**) ба замин пайвастан(и); ~ **антéнны** ба замин гурондани антенна 2. *тех.* сими замин (электр)

заземлúть *сов. что тех.* ба замин пайвастан, ба замин васл кардан; ~ **антéнну** антеннаро ба замин пайвастан; ~ **прóвод** симро ба замин васл кардан

заземля́ть *несов. см.* **заземлúть**

заземля́ться *несов. страд.* ба замин пайваст (васл) карда шудан

зазимовáть *сов.* барои зимистонгузаронӣ мондан

зазúмок *м обл.* 1. (*первый снег*) барфи нахуст 2. *чаще мн.* **зазúмки** (*первые морозы*) сармои аввалин

зазúмье *с см.* **зазúмок**

зазнавáться *несов. см.* **зазнáться**

зазнáйка *м, ж разг.* бодӣ, ҳавобаланд, мағрур, маҳмаддоно

зазнáйство *с разг.* ҳавобаландӣ, такаббур, мағрурӣ

зазнáться *сов. разг.* ҳавобаландӣ (такаббур, худписандӣ) кардан, мағрур шудан

зазнóба *ж обл. и фольк.* ҷонон, ёр, маъшуқа, маҳбуба

зазнобúть I *сов. что обл.* (*застудить*) хунук (шамол, сармо) занондан; ~ **нóги** пойҳоро хунук занондан

зазнобú||ть II *сов. безл. кого* табу ларза гирифтан, варача (фарошот) гирифтан; **меня́ ~ло** маро табу ларза гирифт

зазнобúть III *сов. кого обл. и фольк.* ошиқ кунондан, ба худ гарм кунондан

зазнóбушка *ж ласк. к* **зазнóба**

зазолотú||ть *сов. что* тиллоранг (заргингор) кардан; **óсень ~ла лúстья** [нафаси] тирамоҳ баргҳоро тиллоранг кард

зазолотú||ться *сов.* 1. (*начать золотиться*) тиллоранг шудан гирифтан; **в лучáх сóлнца ~лись верхýшки дерéвьев** нӯги дарахтон аз шуоъҳои офтоб тиллоранг шудан гирифтанд 2. (*показаться — о золотистом*) тиллоранг намудан (тофтан)

зазóр I *м* сӯроx, шикоф, роғ, тарқиш; **величинá ~а** андозаи тарқиш

зазóр II *м уст. и прост.* (*стыд, срам*) ор, номус, айб, нанг

зазóрно *уст. и прост.* 1. *нареч.* бешармона, бевиҷдонона, нангин, нанговар; ~ **вестú себя́** бешармӣ кардан 2. *в знач. сказ. кому* айб аст, шарм аст

зазóрн||ый, -ая, -ое (зазóр|ен, -на, -но) *уст. и прост.* бешарм(она), беҳаё(ёна), нангин, нанговар; **в э́том нет ничегó ~ого** дар ин кор ҳеҷ айб нест

зазрéни||е *с*: **без ~я сóвести** бешармона, бевиҷдонона

зáзри||ть *сов.*: **сóвесть ~ла** виҷдон азоб медод; **сóвесть ~т** виҷдон намебардорад

зазýбренный I, -ая, -ое 1. *прич.* кунд кардашуда, дандонадор 2. *прил.* кунд; арра-арра; ~ **нож** корди кунд; корди арра-арра

зазýбренный II, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* тӯтивор ёд кардашуда 2. *прил.* нафаҳмида аз бар кардашуда; ~ **урóк** дарси нафаҳмида аз ёд кардашуда

зазýбривание I *с* (*по знач. гл.* **зазубрúть** I) кунд кардан(и); арра-арра кардан(и); (*по знач. гл.* **зазубрúться** I) кунд шудан(и); арра-арра шудан(и)

зазýбривание II *с* (*по знач. гл.* **зазубрúть** II) нафаҳмида аз бар кардан(и), тӯтивор аз ёд кардан(и)

зазýбривать I, II *несов. см.* **зазубрúть** I, II

зазýбриваться I *несов.* 1. *см.* **зазубрúться** I; 2. *страд.* кунд карда шудан; арра-арра карда шудан

зазýбриваться II *несов.* 1. *см.* **зазубрúться** II; 2. *страд.* тӯтивор аз ёд карда шудан

зазýбрина *ж* дандона; **нож с ~ми** корди дандонадор

зазубрúть I *сов. что* дами чизеро гардондан; кунд кардан; арра-арра кардан; ~ **топóр** дами табарро гардондан

зазубрúть II *сов. что разг.* тӯтивор аз ёд кардан; ~ **урóк** дарсро тӯтивор аз ёд кардан

зазубрú||ться I *сов.* кунд шудан; арра-арра шудан; **топóр ~лся** табар кунд шуд, дами табар гашт

зазубри́ться II *сов. разг.* аз тӯтивор ҳифз кардан гаранг шудан

зазыва́ла *м, ж уст. прост.* ҷорчӣ

зазыва́ние *с* (*по знач. гл.* **зазва́ть**) чеғзанӣ, даъваткунӣ

зазыва́ть *несов. см.* зазва́ть

зазыва́ться *несов. страд.* ҷор зада шудан

зазывно́й, -а́я, о́е *прост.* даъваткунанда, ...и даъват

зазя́бнуть *сов. прост.* хунук хӯрдан; ях кардан, шах шудан

заи́гранн||ый, -ая, -ое аз кор баромада, кӯҳна, фитшуда, хурдашуда; аздаҳонмонда; **~ая пласти́нка** пластинкаи хурдашуда

заигра́ть I *сов. что* бисьёр бозида фарсуда кардан; **~ ка́рты** картаҳоро бисьёр бозида фарсуда кардан 2. бисьёр бозида (нишон дода) дилбазан кардан; **~ пье́су** пьесаро бисьёр нишон дода дилбазан кардан

заигра́||ть II *сов.* 1. *что, на чём и без доп.* ба бозӣ сар кардан; ба навохтан даромадан; **орке́стр ~л вальс** оркестр ба навохтани вальс даромад; **ти́хо ~ли скри́пки** ғиҷҷакҳо оҳиста ба наво даромаданд 2. *чем* ба ҳаракат даровардан, бозӣ дорондан гирифтан; **ветеро́к ~л занаве́ской** шамоли сабук пардаро бозӣ доронд 3. *(о животных)* ба ҷастухез сар кардан, ба бозӣ даромадан; **конь ~л под вса́дником** асп дар таги савор ба бозӣ даромад // *(о силах природы)* ба туғьён даромадан, ба талотум омадан; **на мо́ре ~ли во́лны** оби баҳр мавҷ зад 4. *перен.* *(о вине, шипучих напитках)* кафк задан гирифтан; **вино́ ~ло в бока́лах** май дар қадаҳҳо кафк зад // *(забурлить)* ба ҷӯш омадан; **кровь ~ла в жи́лах** хун дар рагҳо ба ҷӯш омад 5. *на чём, в чём и без доп. (засверкать)* дурахшидан гирифтан, ба дурахшидан сар кардан; **драгоце́нный ка́мень ~л все́ми цвета́ми ра́дуги** санги қиматбаҳо ранг ба ранг тофт // *(появиться)* пайдо шудан, ба ҷавлон омадан; **на её лице́ ~ла задо́рная улы́бка** чеҳрааш аз табассуми шухе шукуфон гардид; **на щека́х ~л румя́нец** ба рухсораҳо сурхӣ дамид 6. *(о чувствах, мыслях и т. п.)* ба ҷавлон омадан; **его́ воображе́ние ~ло** мурғи хаёлоташ ба ҷавлон омад 7. *что и без доп. обл. (запеть)* суруд сар кардан, ба сурудхонӣ даромадан; **~ть пе́сню** суруд сар кардан

заигра́||ться *сов.* гарқи бозӣ шудан, ба бозӣ машғул (андармон) шуда мондан, саргарми бозӣ шудан; **де́ти ~лись и опозда́ли к у́жину** бачаҳо ғарқи бозӣ шуда ба хуроки шом дер омаданд

заи́грывание I *с (по знач. гл.* **заигра́ть** I) бисьёр нишон дода дилбазан кардан(и)

заи́грывание II *с (по знач. гл.* **заи́грывать** II) нозу карашма, ишвагарӣ; хушомадгуӣ, тамаллуқ, чоплусӣ

заи́грывать I *несов. см.* заигра́ть I

заи́грывать II *несов. разг.* 1. *(кокетничать)* нозу карашма (ишва) кардан 2. *перен. (заискивать)* хушомадгуӣ (чоплусӣ, тамаллуқ) кардан

заи́грываться I *несов. см.* заигра́ться

заи́грываться II *несов. страд.* бисьёр бозӣ карда аз кор бароварда шудан

заизвесткова́ть *сов. что с.-х.* оҳак андохтан *(ба хок барои паст кардани турушии он)*

за́йка *м, ж* алкан, сақав, забонгирифта

заика́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **заика́ться** 1) лакнати забон, забон гирифта гап задан(и) 2. сақавӣ; **страда́ть ~м** сақав (забон гирифта) будан, лакнати забон доштан

заика́ться *несов.* 1. сақав шуда мондан, лакнати забон доштан, забон гирифта гап задан 2. *см.* **заикну́ться 2**

заикну́||ться *сов. разг.* 1.: **на э́том сло́ве он ~лся** дар гуфтани ин калима забонаш гирифт 2. *о ком-чём перен.* ишора кардан, даҳон кушодан; **он ни ра́зу не ~лся об э́том** вай дар ин бора ягон бор ҳам даҳон накушод

заиле́ние *с* лойқанокшавӣ

заи́ливание *с см.* заиле́ние

заи́ливаться *несов. см.* **заи́литься**

заи́литься *сов.* бо лойқа (бо рег) пур шудан, лойқа зер кардан

за́имка *ж уст.* работча, қурғонча

заимода́вец *м уст.* қарздиҳанда, вомдиҳанда

заимода́тель *м см.* **заимода́вец**

заимообра́зно *нареч.* қарз, бо номи қарз, ба таври насия; **получи́ть де́ньги ~** пул қарз гирифтан

заимообра́зный, -ая, -ое (заимообра́з|ен, -на, -но) ...и қарз

заи́мствовани||е *с* 1. *(по знач. гл.* **заи́мствовать**) иқтибос, иқтибос кардан(и); **~е слов** иқтибоси калимаҳо 2. иқтибос; **~я из други́х языко́в** иқтибос аз забонҳои дигар

заи́мствовать *сов., несов. что* иқтибос кардан, гирифтан, бардоштан, аз худ кардан; **~ сюже́т** сюжет гирифтан

заи́мствоваться *несов. страд.* иқтибос шудан, аз худ карда шудан

заи́ндевевший, -ая, -ее *см.* **заи́ндевелый**

заи́ндевел||ый, -ая, -ое қиравбаста, яхбаста, яхкарда; **~ые дере́вья** дарахтони қиравбаста

заи́ндеве||ть *сов.* қирав бастан, ях бастан (кардан); **о́кна ~ли** тирезаҳо ях карданд

заинтересо́ванно *нареч.* ҳавасмандона, бо ҳавас, бо марок

заинтересо́ванность *ж* 1. ҳавас, рағбат, завқ, шавқ 2. манфиатдорӣ; **материа́льная ~** манфиатдории моддӣ

заинтересо́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҳавасманд кардашуда 2. *прил.* рағбатдор, ҳавасманд(она); **~ый вид** қиёфаи ҳавасмандона 3. *прил.* манфиатдор, богараз; **~ые круги́** доираҳои манфиатдор

заинтересова́||ть *сов. кого-что* 1. ба ҳавас (ба марок, ба шавқ) овардан, ба худ ҷалб кардан, ҳавасманд кардан; **ле́ктор ~л слу́шателей** лектор шунавандагонро ба шавқ овард 2. *разг.* *(привлечь выгодой)* манфиатдор кардан

заинтересова́ться *сов. кем-чем и без доп.* ҳавас (марок, шавқ) пайдо кардан, рағиб (моил) шудан; **~ разгово́ром** ба суҳбат марок пайдо кардан

заинтересо́вывать *несов. см.* **заинтересова́ть**

заинтересо́вываться *несов.* 1. *см.* **заинтересова́ться;** 2. *страд.* ҳавасманд карда шудан; манфиатдор карда шудан, моил (рағиб) шудан

заинтригова́ть *сов. кого-что* ба марок овардан, диққатро ҷалб кардан, ҳисси кунҷковӣ бедор кардан; **~ таи́нственным ви́дом** бо намуди асроргенез диққатро ҷалб кардан

заинтриго́вывать *несов. см.* **заинтригова́ть**

заинтриго́вываться *несов. страд.* ба марок оварда шудан

за́инька *м разг. ласк. к* **заяц** харгушак, харгушча

заи́скивание *с (по знач. гл.* **заи́скивать**) хушомадгуӣ, лаганбардорӣ, тамаллуқ, чоплусӣ кардан(и)

заи́скивать *несов. перед кем-чем* хушомад задан, лаганбардорӣ (тамаллуқ, чоплусӣ) кардан

заи́скивающе *нареч.* хушомадгуёна, тамаллуқкорона, чоплусона; **~ улыбну́ться** хушомадгуёна табассум кардан

заи́скивающий, -ая, -ее хушомадомез, чоплус, лаганбардор; **~ тон** оҳанги хушомадомез

заискри́||ться *сов. чем и без доп.* ба дурахшидан сар кардан, шарора баровардан, ялтирос задан; **роса́ ~лась на со́лнце** шабнам дар офтоб ялтирос зад; **её глаза́ ~лись весе́льем** чашмони вай аз шодӣ дурахшиданд

за́йка *м разг. ласк. к* **за́яц**

за́ймов||ый, -ая, -ое ...и заём; **~ые опера́ции** операцияҳои заём

займодержа́тель *м* заёмдор, соҳиби [облигацияҳои] заём

зайти́ *сов.* 1. болои роҳ (дар сари роҳ) даромадан, сар халондан; **по доро́ге домо́й я зашёл в кни́жный магази́н** ман ба хона рафта истода ба дукони китобфурӯшӣ даромадам; **~ в де́тский сад за детьми́** барои гирифтани бачаҳо ба боғча даромадан; **~ на огонёк** рушноии тирезаро дида даромадан // *во что* ворид шудан, даромадан; **~ в дом** ба даруни хона даромадан 2. рафта (даромада) мондан; **~ в глубь ле́са** ба дарунтари ҷангал даромада мондан 3. даромадан, гузаштан, тоб хурдан; **~ за у́гол** ба хамгашти куча даромадан 4. даврзада гузаштан, гузаштан; **~ спра́ва** аз тарафи рост гузаштан 5. *перен.* кашол ёфтан, тул кашидан; **бесе́да зашла́ за́ по́лночь** суҳбат то як поси шаб кашол ёфт 6. фурӯ рафтан, нишастан, ғуруб кардан; **со́лнце уже́ зашло́** офтоб фуру рафт 7. сар шудан, баромадан; **речь зашла о новой кни́ге** гапи китоби нав баромад ◇ **далеко ~** аз ҳад гузаштан; **~ в тупи́к** сари калобаро гум

кардан, дучори банду баст шудан; **ум за разум зашёл (заходит)** *у кого* калла варам кард, майна гиҷ шуд

зайтись *сов. прост.* (*потерять сознание*) беҳуш шудан, аз ҳуш рафтан // (*потерять чувствительность*) карахт (беҳис) шудан; **ноги зашлись с мороза** пойҳо аз хунукӣ карахт шуданд ◇ **сердце зашлось** дил танг шуд; **дух зашёлся** нафас танг шуд, нафас гашт

зайчатина *ж* гушти харгуш

зайчик *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **заяц**; 2. *разг.* гули офтоб, партав; **по стене забегали ~и** дар руи девор гулҳои офтоб ба ҷилва даромаданд

зайчиха *ж* харгуши мода

зайчонок *м* харгушбача, харгушча

закабаление *с* (*по знач. гл.* **закабалить**) ғулом (банда) кардан(и), гирифтори асорат кардан(и); (*по знач. гл.* **закабалиться**) гуломшавӣ, асорат, бандагӣ, гулом шудан(и)

закабалить *сов. кого-что* ғулом (банда, асир) кардан, гирифтори асорат кардан

закабалиться *сов.* ғулом (банда, асир) шудан, гирифтори асорат шудан

закабалять *несов. см.* **закабалить**

закабаляться *несов.* 1. *см.* **закабалиться**; 2. *страд.* ғулом (банда) карда шудан, ба асорат даровардa шудан

закавыка *ж прост. см.* **закавычка**

закавычить *сов. что прост.* ба нохунак гирифтан; ~ **цитату** иқтибосро ба нохунак гирифтан

закавычка *ж разг.* 1. (*завиток, закорючка*) печ (*дар ҳарфҳо*); 2. (*помеха, препятствие*) монеа, халал, душворӣ 3. (*хитрость*) ҳила, найранг

закадычный, -ая, -ое: ~ **друг (приятель)** дусти қарин, ҷураи ҷонӣ

заказ I *м* 1. супориш, фармоиш, заказ; **получить** ~ супориш гирифтан; **выполнить** ~ супоришро иҷро кардан 2. *разг.* (*заказанная вещь*) заказ, чизи фармуда ◇ **на** ~ бо супориши махсус, аз руи супориш (заказ); **по ~у** аз руи супориш, аз руи хоҳиши касе

заказ II *м* 1. *уст. и прост.* (*запрет*) манъ, қадаған 2. *обл. см.* **заказник**

заказать I *сов.* 1. *что* супориш додан, супоридан, фармудан, заказ кардан; ~ **костюм у портного** ба дарзӣ костюм фармудан; ~ **обед** наҳорӣ фармудан; ~ **билет** билет заказ кардан 2. *кому чаще с неопр. прост.* (*приказать*) фармоиш додан, панду насиҳат кардан

заказать II *сов. что или с неопр. уст. и прост.* (*запретить*) манъ кардан, қадаған кардан ◇ ~ **путь (дорогу) кому-л.** *уст. прост.* роҳи касеро бастан; **пути заказаны** *кому* роҳ баста шудааст

заказник *м* парваришгоҳ (*ҷое дар ҷангал ва ё дарьё, ки дар он шикор, сайд ва ё дарахтбурӣ манъ аст*)

заказн||ой I, -ая, -ое 1. (*сделанный на заказ*) супоришӣ, фармуда, заказӣ; **~ые туфли** туфлии фармуда 2. (*о почтовых отправлениях*) супоришӣ, заказной; **~ое письмо** хати супоришӣ, мактуби заказной; **~ая бандероль** бандероли супоришӣ

заказной II, -ая, -ое (*заповедный*) манъ, мамнуъ; ~ **лес** ҷангали мамнуъ

заказчик *м* супоришдиҳанда, фармоянда, заказчӣ

заказчица *женск. к* **заказчик**

заказывание *с* (*по знач. гл.* **заказать** I) супориш(диҳӣ), фармоиш(диҳӣ), фармудан(и), заказдиҳӣ

заказывать I, II *несов. см.* **заказать** I, II

заказываться I *несов. страд.* супорида шудан, фармуда шудан, заказ карда шудан

заказываться II *несов. страд.* манъ карда шудан, қадаған гардидан

закаиваться *несов. см.* **закаяться**

закал *м* 1. *см.* **закалка**; 2. (*непропечённая часть хлеба*) ҷони хоми нон ◇ **человек (люди) старого ~а** одами (одамони) ҳаётдида, одами (одамони) гармию сардичашида

закалённость *ж* 1. *тех.* асил (батоб) будан(и); ~ **стали** асил будани пулод 2. *перен.* обутобьёфта будан(и), пухтагӣ // (*физическая*) мустаҳкамӣ, маҳкамӣ, боқувватӣ; ~ **организма** боқувватии организм

закалённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* обдода, обдодашуда, обутоб додашуда 2. *прил. тех.* асил, батоб; **~ая сталь** пулоди батоб 3. *прил. перен.* пухташуда, пухта, устувор, обутобьёфта; **~ая в боях армия** армияи (лашкари) дар ҷангҳо пухташуда // (*физически*) обутобьёфта, мустаҳкам, маҳкам, боқувват; **~ый организм** организми (бадани) мустаҳкам

закаливание *с* (*по знач. гл.* **закалить**) обутобдиҳӣ; устувор (мустаҳкам) кардан(и); (*по знач. гл.* **закалиться**) асил шудан(и), обутоб ёфтан(и); устувор (мустаҳкам) шудан(и)

закаливать(ся) *см.* **закалять(ся)**

закалить *сов.* 1. *что тех.* обутоб додан; ~ **сталь** пулодро обутоб додан 2. *кого-что перен.* пухта (устувор) кардан; ~ **волю** иродаро устувор кардан // (*физически*) обутоб додан, мустаҳкам кардан; ~ **организм** организмро обутоб додан

закалиться *сов.* 1. *тех.* асил шудан, тоб ёфтан 2. *перен.* пухта (устувор) шудан // (*физически*) обутоб ёфтан, мустаҳкам шудан

закалк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **закалить**) обдиҳӣ, обутобдиҳӣ; устувор кардан(и); мустаҳкам кардан(и) 2. *тех.* об; **сталь крепкой ~и** пулоди обаш баланд 3. *перен.* (*стойкость*) матонат, устуворӣ

закалочн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и обутобдиҳӣ, ...и мустаҳкамкунӣ

закалывание *с* (*по знач. гл.* **заколоть** I) халондан(и), халонда куштан(и); халонда банд кардан(и), сузанбанд кардан(и)

закалывать *несов. см.* **заколоть** I

закалываться *несов.* 1. *см.* **заколоться**; 2. *страд.* халонда шудан, халонда кушта шудан; халонда банд карда шудан

закалять *несов. см.* **закалить**

закаляться *несов.* 1. *см.* **закалиться**; 2. *страд* обутоб дода шудан; пухта карда шудан; мустаҳкам карда шудан

закаменел||ый, -ая, -ое *разг.* 1. сангшуда, санг барин сахтшуда 2. *перен.* шах, карахт; **~ое выражение лица** қиёфаи карахт

закаменеть *сов. разг.* 1. санг шудан, санг барин сахт шудан, сахт шудан 2. *перен.* шах (карахт) шудан, беҳис шудан

закамуфлировать *сов. что воен.* камуфляж кардан

заканчивать *несов. см.* **закончить**

заканчива||ться *несов.* 1. *см.* **закончиться**; 2. *чем* бо чизе анҷом (хотима) ёфтан; **участок ~лся оврагом** қитъаи замин бо ҷарӣ анҷом меёфт 3. *страд.* тамом карда шудан, ба анҷом расонда шудан, хотима дода шудан

закапать I *сов.* 1. *кого-что* чаккондан, резондан; лаккадор кардан, **олуда** (доғдор) кардан; ~ **скатерть чернилами** ба дастархон сиёҳӣ чаккондан 2. *что разг.* чаккондан; ~ **лекарство в нос** ба бинӣ дору чаккондан

закапа||ть II *сов.* (*начать капать*) ба чакидан сар кардан, чакидан гирифтан, ба боридан сар кардан; **~л дождь** борон ба боридан сар кард; **слёзы ~ли у неё из глаз** аз чашмонаш ашк рехтан гирифт

закапаться *сов. чем разг.* олуда (доғдор, лаккадор) шудан

закапризнича||ть *сов.* ба нозунуз (ба инҷиқӣ, ба ноз) сар кардан; **ребёнок ~л** бача ба инҷиқӣ сар кард

закапывание I *с* (*по знач. гл.* **закопать** I) гур кардан(и); (*по знач. гл.* **закопаться** I) фуру рафтан(и)

закапывание II *с* (*по знач. гл.* **закапать** I, 2) чаккондан(и); ~ **лекарства в нос** ба бинӣ қатра-қатра чаккондани дору

закапывать I *несов. см.* **закопать**

закапывать II *несов. см.* **закапать** I

закапываться I *несов.* 1. *см.* **закопаться** I; 2. *страд.* гур карда шудан

закапываться II *несов. страд.* чакконда шудан

закарка||ть *сов. разг.* 1. қар-қар сар кардан, ба қар-қар даромадан; **ворон ~л** зоғи сиёҳ ба қар-қар даромад 2. *перен. прост.* шумдаҳонӣ кардан гирифтан, ба баддаҳонӣ даромадан

закармливать *несов. см.* **закормить**

закармливаться *несов. страд.* аз ҳад зиёд хуронда шудан, бениҳоят сер карда шудан

закартавить *сов. разг.* сақав-сақав гап сар кардан

закат *м* 1. ғуруб, фуруравӣ, нишастан(и); ~ **солнца** ғуруби офтоб; **на ~е** ҳангоми ғуруби офтоб 2. (*освещение неба*) шафақ, шафақи шом; **любоваться ~ом** шафақи шомро та-

мошо кардан 3. *перен. (конец, предел чего-л.)* завол, охир 4. *уст. (запад)* офтобфаро, мағриб ◇ **на ~е дней** дар айёми пирӣ, дар фасли хазони умр

закатáть I *сов.* 1. *кого-что во что* печондан, лула кардан; **~ в полотéнце мóкрое бельё** ҷомашуии тарро ба сачоқ печондан 2. *что разг.* барзадан, қат кардан; **~ рукавá** остинҳоро барзадан 3. *что* тахт (ҳамвор) кардан; **~ дорóгу** роҳро ҳамвор кардан 4. *кого разг. (утомить долгим катанием)* савора бисьёр сайр кунонда монда кардан 5. *кого прост. (арестовать)* ба ҳабс гирифтан, ҳабс кардан 6. *что (закрыть банки)* пушондан, бо сарпуш маҳкам кардан

закатáть II *сов. разг. (начать катать)* ба ғелондан сар (шуруъ) кардан

закатá||ться I *сов. разг.* 1. *(засучиться)* барзада (қат) шудан; **рукавá ~лись** остинҳо барзада шуданд 2. *(утомиться от долгого катания)* аз сайри дуру дароз монда шудан

закатáться II *сов. разг. (начать кататься)* савора ба сайр сар кардан

закáтисто *нареч.* бо қаҳқаҳа, қоҳ-қоҳзанон; **~ смеяться** бо қаҳқаҳа хандидан, қоҳ-қоҳзанон хандидан

закáтистый, -ая, -ое (закáтист, -а, -о) *разг.* бо қаҳқаҳа, қоҳ-қоҳзанон; **~ смех** қаҳқаҳа

закатить *сов.* 1. *что* ғелонда бурдан, ғелонда даровардан, тела дода даровардан; **~ телегу под навéс** аробаро тела дода ба таги айвон даровардан 2. *что перен. прост.* задан; **~ пощёчину** шаппотӣ (торсакӣ) задан 3. *прост. (уехать)* рафтан 4. *что прост.* таъсис кардан, барпо кардан, хезондан, ташкил додан; **~ скандал** ҷанҷол бардоштан; **~ истерику** ғаш кардан; **~ сцéну** моҷаро хезондан; **~ выговор** выговор додан

закатú||ться *сов.* 1. ғелида рафтан; **мяч ~лся под шкаф** губ ба таги ҷевон ғелида рафт 2. фуру рафтан, нишастан, ғуруб кардан; **сóлнце ~лось** офтоб ғуруб кард 3. *перен.* завол ёфтан, бар бод рафтан; **слáва его ~лась** шуҳрати у завол ёфт 4. *прост. (уехать)* рафтан; **~ться в гóсти** ба меҳмонӣ рафтан 5. *чем и без доп. разг.:* **~ться смéхом** қоҳ-қоҳ хандидан, бо *овози баланд хандидан*; **~ться слезáми** ҳунгос зада гиристан ◇ **глазá ~лись** сиёҳии чашм боло рафт

закатный, -ая, -ое ...и ғуруб, ...и шафақи шом; **~ луч** партави офтоби ғурубкунанда

закáтывание I *с (по знач. гл.* **закатáть** I) печондан(и); барзадан(и), қат кардан(и); тахт кардан(и); **~ рукавóв** барзадани остинҳо

закáтывание II *с (по знач. гл.* **закатить** I, 4) ғелонда даровардан(и); барпо кардан(и), хезондан(и)

закáтывать I *несов. см.* **закатáть** I

закáтывать II *несов. см.* **закатúть**

закáтываться I *несов.* 1. *см.* **закатáться** I; 2. *страд.* печонда шудан, барзада шудан, қат карда шудан

закáтываться II *несов.* 1. *см.* **закатúться**; 2. *страд.* ғелонда дароварда шудан; барпо карда шудан

закачáть I *сов.* 1. *кого* ҷунбонда-ҷунбонда хобондан; **~ ребёнка** бачаро ҷунбонда-ҷунбонда хобондан 2. *кого* ҷунбонда дил беҳузур кардан; **~ на качелях** дар арғунчак алвонҷ дода дил беҳузур кардан 3. *что* фишор дода даровардан; **~ вóду** обро фишор дода даровардан

закачá||ть II *сов. (начать качать)* ба ҷунбондан (ба алвонҷдиҳӣ) сар (шуруъ) кардан, ҷунбондан гирифтан; ба такондиҳӣ шуруъ кардан; **вéтер ~л верхýшки дерéвьев** шамол нуги дарахтонро ҷунбондан гирифт; **~ть головóй** ба сарҷунбонӣ даромадан // *безл.* ба алвонҷхурӣ даромадан; **лóдку ~ло на волнах** заврақ дар рӯи мавҷҳо ба алвонҷхурӣ даромад

закачáться I *сов. разг.* ҷунбонда-ҷунбонда дил беҷо шудан; **~ на качéлях** аз арғунчакпарӣ дил беҷо шудан

закачаться II *сов. (начать качаться)* ба калавидан сар кардан, ба ҷунбиш даромадан

закáчивать *несов. см.* **закачать** I

закачиваться *несов. страд.* ҷунбонда-ҷунбонда хобонда шудан; фишор дода дароварда шудан

закачка *ж (по знач. гл.* **закачать** I 3) фишор дода даровардан(и)

закáшлять *сов.* ба сурфа даромадан

закашляться *сов.* сахт сулфидан, аз сурфа нафасгир шудан

закаяться *сов. разг.* тавба кардан, пушаймон шудан

заквáкать *сов.* ба вак-вак (қур-қур) даромадан, вак-вак (қур-қур) сар кардан

заквáсить *сов. что* турш (намак) кардан, туршонидан, хамиртуруш (хамирмоя) андохтан; **~ капýсту** карамро дар намак хобондан; **~ молокó** ҷурғот хобондан

заквáситься *сов.* туршидан, турш шудан, расидан; хобонда шудан

закваск||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **заквасить**) туршонӣ, хамиртурушандозӣ; *(по знач. гл.* **заквáситься**) туршшавӣ, расидан(и) 2. хамирмоя, хамиртуруш; **положúть ~у в тéсто** ба хамир хамиртуруш андохтан 3. *перен. разг.* тинат, сиришт; **он хорóшей ~и** *тинати вай хуб аст*

заквашивание *с см.* **закваска** 1

заквáшивать *несов. см.* **заквасить**

заквáшиваться *несов.* 1. *см.* **заквáситься**; 2. *страд.* туршонда шудан, хамиртуруш андохта шудан; хобонда шудан

закивать *сов. чем* ба сарҷунбонӣ даромадан, ба такондани сар шуруъ кардан

закидá||ть I *сов. разг. см.* **забросать** ◇ **~ть камнями (грязью)** *кого* сангӣ маломат задан; **шапками ~ем!** *прост.* мо зуд ва осон ғалаба мекунем!

закидáть II *сов. разг. (начать кидать)* ба ҳаво додан (ба партофтан) сар (шуруъ) кардан

закиднóй, -ая, -ое партофташаванда, андохташаванда; **~ нéвод** тури андохташаванда

закúдывать I *несов. см.* **закидáть** I

закúдывать II *несов. см.* **закúнуть**

закúдываться I *несов. страд.* пошида шудан, партофта шудан

закúдываться II *несов.* 1. *см.* **закú-нуться**; 2. *страд.* андохта шудан, партофта шудан

закúнуть *сов. см.* **забрóсить** ◇ **~ словéчко (слóво, словцо)** *за кого, о ком* як даҳон гап зада мондан; **~ ýдочку (ýдочки)** гап партофта дидан, луқма андохта фаҳмиданӣ шудан

закúну||ться *сов.* 1. партофта овезон шуда мондан 2. ба пушт (ба қафо) хам шудан (афтидан), партофта шудан; **головá ~лась** сар ба қафо афтид 3. *(броситься в сторону на бегу — о лошади)* худро ба як су ҳаво додан (андохтан)

закипáть *несов. см.* **закипéть**

закипé||ть *сов.* 1. ба ҷуш омадан (даромадан); **водá ~ла** об ҷушид; **самовáр ~л** самовор ҷушид 2. *перен.* ба талотум даромадан; **на мóре ~ли вóлны** мавҷҳои баҳр ба талотум даромаданд 3. *перен.* ҷушидан, авҷ гирифтан, ба ҷушу хуруш омадан; **рабóта ~ла** кор ҷушида рафт; **жизнь ~ла** ҳаёт ба ҷушу хуруш омад; **спор ~л** баҳс авҷ гирифт // *(о чувствах)* ба ҷуш омадан; **в душé егó ~ла обúда** дар дилаш ҳисси озурдағӣ ба ҷуш омад // *(о слезах)* ҷуш зада баромадан; **на глазáх ~ли слёзы** аз чашмонаш ашк ҷуш зада баромад

закисáть *несов. см.* **закúснуть**

закúснуть *сов.* 1. турш шудан, туршидан, расидан; **квас закúс** квас расид 2. *перен.* дилтанг (зиқ, ланҷ, шалпар) шудан

заклáд *м уст. см.* **залóг** I 1, 2; ◇ **бúться об ~** гарав бастан, шарт кардан

заклáдка *ж* 1. *(по знач. гл.* **заложúть** 1—4) мондан(и), поягузорӣ, гузориш; пур кардан(и); бардоштан(и); хатчӯбмонӣ; **торжéственная ~ пáмятника** поягузории пуртантанаи муҷассама 2. *(в книге)* хатчӯб, чубалиф

закладн||óй, -ая, -ое *уст. и разг.* 1. амонатӣ, ...и гарав; **~áя квитанция** гаравхат 2. *в знач. сущ.* **закладнáя** *ж (свидетельство на заложенное имущество)* гаравхат, гаравнома

закладчик *м уст.* 1. *(залогодатель)* гаравгузор, гаравмон 2. *(ростовщик)* судхур

заклáдывание *с (по знач. гл.* **заложúть**) мондан(и), поягузорӣ, гузориш; банд кардан(и); бардоштан(и); хатчӯбмонӣ; бастан(и); гарав мондан(и)

закладывать *несов. см.* **заложúть**

заклáдываться *несов. страд.* монда (гузошта) шудан; гарав монда шудан

заклание *с уст.:* **на ~ вестú (отдáть)** ба қурбонӣ бурдан (додан)

заклевá||ть I *сов. кого* 1. нул (минқор)

зада куштан; **коршун ~л цыплёнка** калхот чучаро нул зада кушт 2. *перен. разг.* сухани нешдор гуфтан, ба чон расондан, аз чон безор кардан

заклевать II *сов.* 1. *(начать клевать)* ба нулзанӣ даромадан 2. *(о рыбе)* ба мулух даҳон андохтан

заклёвывать *несов. см.* **заклевать** I

заклёвываться *несов. страд.* нул зада кушта шудан

заклеивание *с см.* **заклейка** 1

заклеивать *несов. см.* **заклеить**

заклеиваться *несов.* 1. *см.* **заклеиться**; 2. *страд.* часпонда шудан; маҳкам (ширеш) карда шудан

заклеить *сов. что* ширеш кардан, часпондан; ~ **окна бумагой** ба тарқиши тирезаҳо коғаз часпондан // часпондан, ширеш кардан, маҳкам кардан; ~ **конверт** конвертро маҳкам кардан; ~ **всю стену афишами** сар то сари деворро афиша часпондан

заклеи||ться *сов.* часпидан, ширеш шудан, маҳкам шудан; **конверт ~лся** конверт маҳкам шуд

заклейка *ж* 1. *(по знач. гл.* **заклеить**) часпониш, маҳкам (ширеш) кардан(и) 2. *(полоска бумаги)* тасмакоғази часпанда

заклеймить *сов. кого-что* 1. тамға задан, аломат (нишона) гузоштан; доғ кардан; ~ **товар** ба мол тамға задан; ~ **скот** ба ҳайвонот тамға задан 2. *перен.* доғи лаънат задан; ~ **позором** доғи нанг задан

заклепать *сов. что* 1. *(вбить клёпку)* парчин кардан 2. парчин карда пайвастан (маҳкам кардан); ~ **крышку котла** сарпушро ба дег парчин карда пайвастан

заклёпка *ж* 1. *(по знач. гл.* **заклепать**) парчин (мехпарчин) кардан(и) 2. *(металлический стержень)* парчинмех

заклёпочный, -ая, -ое ...и парчин кардан(и), ...и парчин; ~ **шов** хатти парчин

заклёпывание *с см.* **заклёпка** 1

заклёпывать *несов. см.* **заклепать**

заклёпываться *несов. страд.* парчин карда шудан

заклинани||е *с* 1. *(по знач. гл.* **заклинать**) азоимхонӣ 2. азоим; **творить ~я** азоим хондан 3. *перен. (просьба, мольба)* илтиҷо, зорию тавалло, истидъо

заклинатель *м* азоимхон; ~ **змей** морбоз, моргир

заклинательница *женск. к* **заклинатель**

заклинать *несов.* 1. *кого-что (чарами, молитвами)* азоим хондан 2. *кого чаще с неопр. перен.* илтиҷо (зорию тавалло) кардан; ~ **дружбой** ба хотири дӯстӣ илтиҷо кардан

заклинаться *несов. страд.* азоим хонда шудан

заклинивание *с (по знач. гл.* **заклинить**) фоназанӣ, танба гузоштан(и); *(по знач. гл.* **заклиниться**) банд карда шудан(и)

заклинивать *несов. см.* **заклинить**

заклиниваться *несов.* 1. *см.* **заклиниться**; 2. *страд.* фона зада маҳкам карда шудан

заклини||ть *сов. что* 1. фона задан, фона зада маҳкам кардан; 2. танба гузоштан (мондан); **~ть дверь бревном** ба паси дар танба мондан; **дверь ~ло** *безл.* дар танба шуд

заклиниться *сов.* банд шуда мондан, дармондан

заклокота||ть *сов.* 1. *(о жидкости)* ба талотум даромадан, ба ҷуш омадан 2. хир-хир кардан, ба хир-хир даромадан; **в груди у больного ~ло** сари дили бемор хир-хир кард 3. *перен.* ба ҷӯшу хуруш (ба ҳаяҷон) омадан; **в нём всё ~ло** вай сахт ба ҳаяҷон омад

заклохта||ть *сов.* ба қут-қут даромадан; **куры ~ли** мурғон ба қут-қут даромаданд

заклуби||ть *сов.* печутоб дода бардоштан; **ветер ~л пыль на дороге** шамол чанги роҳро печутоб дода ба ҳаво бардошт

заклубиться *сов.* печутоб хурда баромадан, печида баромадан

заключать *несов.* 1. *см.* **заключить**; 2. *(содержать)* доштан; ~ **в себе** дар бар гирифтан, доштан

заключа||ться *несов.* 1. будан, иборат будан; **задача ~ется в следующем...** вазифа аз ҳамин иборат аст, ки... 2. *в чём* будан; **в этом пакете ~ются важные документы** дар ин пакет ҳуҷҷатҳои муҳим ҳастанд 3. *чем* анҷом ёфтан, ба охир расидан 4. *см.* **заключиться**; 5. *страд.* ҳабс карда шудан; гирифта шудан; анҷом дода шудан; баста шудан

заключени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **заключить** 1, 2, 5) ҳабс кардан(и); гирифтан(и); бастан(и) 2. ҳабс; **предварительное ~е** ҳабси пешакӣ (пеш аз ҳукми суд); **пожизненное ~е** ҳабси якумрӣ; **быть в ~и** дар ҳабс (зиндон) будан 3. хулоса, натиҷа, мулоҳиза; **~е врача** мулоҳизаи духтур; **вывести ~е** хулоса баровардан; **прийти к ~ю** ба натиҷа расидан 4. *(конец чего-л.)* хотима, анҷом, поён ◇ **в ~е** дар хотима

заключённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* гузоштašуда, гирифташуда; **слова, ~ые в скобки** калимаҳои ба қавс гирифташуда 2. *в знач. сущ.* **заключённый** *м*, **заключённая** *ж* маҳбус, зиндонӣ

заключительн||ый, -ая, -ое охирин, хотимавӣ, ниҳоӣ; **~ое слово** сухани хотимавӣ; **~ая сцена** намоиши охирин ◇ **~ый аккорд** анҷом, хотима, амали охирин

заключить *сов.* 1. *кого-что* ҳабс кардан, ба ҳабс гирифтан; ~ **в тюрьму** ҳабс (зиндонӣ) кардан 2. *что во что* гузоштан, гирифтан; ~ **слово в скобки** калимаро ба қавс гирифтан 3. *чем* тамом кардан, ба охир (ба поён, ба итмом) расондан, анҷом (хотима) додан; ~ **речь приветствием** нутқро бо суханони табрикӣ тамом кардан 4. хулоса баровардан, ба натиҷа расидан; **из его слов я заключил, что...** ман аз суханони ӯ чунин хулоса баровардам, ки... 5. *что (договор и т. п.)* бастан, кардан; ~ **мир** сулҳ бастан, оштӣ кардан; ~ **договор** шартнома (муоҳида) бастан; ~ **пари** шарт кардан, гарав бастан ◇ ~ **в объятия** ба оғуш гирифтан (кашидан)

заключиться *сов. уст.* гушанишинӣ кардан, узлат ихтиёр намудан

заклясть *сов. см.* **заклинать** I

закля́сться I *сов.* 1. *(закаяться, дать зарок)* тавба кардан, пушаймон шудан 2. *разг. (поклясться)* қасам хурдан

заклясться II *сов. разг. (начать клясться)* ба қасамхурӣ даромадан

заклятие *с уст.* 1. *(по знач. гл.* **заклинать** I *и* **заклясться** I) азоим хондан(и); илтиҷо (зорию тавалло) кардан(и) 2. *(заклинание)* азоим 3. *(клятва, зарок)* тавба, қасам

заклятый, -ая, -ое 1. қаттол, оштинопазир; ~ **враг** душмани қаттол 2. *уст. разг.* гузаро, рафта истодагӣ, ашаддӣ; ~ **картёжник** қиморбози гузаро

заковать *сов.* 1. *что* куфта пайваст кардан; ~ **цепь** нуги занҷирро куфта пайвастан 2. *кого-что* занҷирбанд кардан, ишкел (завлона) задан; ~ **в кандалы** ишкел задан; ~ **в броню (в латы)** зиреҳпуш кардан, зиреҳ пӯшондан 3. *что перен.* бандондан, ях бандондан; **мороз заковал реку** сармо дарьёро ях бандонд, дарьё аз сармо ях кард 4. *кого-что вет.* нодуруст наъл кардан; ~ **лошадь** аспро нодуруст наъл кардан

заковка *ж вет.* нодуруст наълзанӣ

заковывание *с (по знач. гл.* **заковать**) занҷирбандкунӣ, ишкелзанӣ, завлоназанӣ

заковывать *несов. см.* **заковать**

заковываться *несов. страд.* куфта пайваст карда шудан; банд карда шудан; завлона карда шудан; нодуруст наъл карда шудан

заковылять *сов. разг.* калавида-калавида рафтан гирифтан; лангон-лангон (оҳиста-оҳиста) роҳ рафтан

заковыристый, -ая, -ое (заковырист, -а, -о) *прост.* ғалатӣ, аҷоиб, ҳилагарона

заковырять *сов. разг.* ба кофтан сар (шурӯъ) кардан

закодировать *сов. что* рамз (код) гузоштан

закол I *м (по знач. гл.* **заколоть** I 1) халонда (зада) куштан(и), куштан(и)

закол II *м рыб.* мехбаст, шохбаст *(барои сайди моҳӣ)*

заколачивание *с (по знач. гл.* **заколотить** I) куфтан(и), мехкуб (маҳкам) кардан(и); задан(и); ~ **гвоздей** куфтани мех

заколачивать *несов. см.* **заколотить** I

заколачиваться *несов. страд.* мехкуб (маҳкам) карда шудан

заколдованный, -ая, -ое *прич., прил* ҷоду кардашуда ◇ ~ **круг** 1) *(безвыходное положение)* ноилоҷӣ, ночорӣ; вазъияти беилоҷ 2) *(логическая ошибка)* ғалати мантиқӣ, далели ғайримантиқӣ

заколдовать I *сов. кого-что (заворожить)* ҷоду (афсун, сеҳр) кардан // *перен.* мафтун кардан, дил рабудан; ~ **музыкой** бо мусиқӣ мафтун кардан

заколдовать II *несов. (начать колдовать)* ба ҷодугарӣ (ба афсунгарӣ, ба соҳирӣ) даромадан

заколдо́вывать *несов. см.* **заколдова́ть** I

заколдо́вываться *несов. страд.* ҷоду (афсун) карда шудан; мафтун карда шудан

заколеба́ть *сов. кого-что* ба ҷунбиш (ба лаппиш) даровардан, ба ҳаракат овардан

заколеба́||ться *сов.* 1. ба ҷунбиш даромадан, ба алвонҷхурӣ сар кардан, ба лаппиш (ба ларза) даромадан; **ветви дере́вьев ~лись** шохаҳои дарахтон ба ҷунбиш даромаданд; **земля ~лась от взрыва** замин аз таркиш ба ларза даромад 2. *перен.* ҷуръат (дил) накардан, дудила (мутараддид) шудан

зако́лка *ж разг.* сарсузан, бандак

заколобро́дить *сов. прост.* бекор гаштан гирифтан, ба оворагардӣ сар кардан

заколоси́||ться *сов.* ба хушабандӣ даромадан (сар кардан); **хлеба́ ~лись** ғалла ба хушабандӣ сар кард

заколоти́ть I *сов. разг.* 1. *что* [мех] куфтан, мех зада маҳкам кардан; мехкӯб кардан; ~ **ящик гвоздями** қуттиро мех зада маҳкам кардан 2. *что* задан; ~ **гвоздь в сте́ну** мехро ба девор задан 3. *кого-что (забить до смерти)* зада-зада куштан

заколоти́ть II *сов. разг. (начать колотить)* ба куфтан сар (шуруъ) кардан, ба задан даромадан

заколоти́||ться *сов. разг.* ба тапиш (ба ларза) даромадан; **се́рдце ~лось** дил ба тапиш даромад

заколо́ть I *сов.* 1. *кого* халонда (зада) куштан; ~ **штыком** бо сарнайза зада куштан; ~ **барана** гусфандро куштан 2. *что* халондан, халонда мондан, сузанбанд кардан; ~ **га́лстук була́вкой** галстукро бо сарсузан банд карда мондан

заколо́||ть II *сов. безл. (начать колоть)* ба халазанӣ даромадан; **у меня ~ло в боку́** паҳлуям (бикинам) хала зад

заколо́ться *сов. разг.* худро куштан

заколыха́ть *сов.* ба ҷунбиш (ба ларза) даровардан

заколыха́ться *сов.* ба ҷунбиш (ба ларза) даромадан, ба алвонҷхурӣ сар (шуруъ) кардан

закольцева́ть *сов. кого-что* ҳалқа андохтан; ~ **птицу** ба панҷаи парранда ҳалқа андохтан

закольцо́вывать *несов. см.* **закольцева́ть**

закомпости́ровать *сов. что* компостер задан; ~ **биле́т** ба билет компостер задан

зако́н *м* 1. қонун; **сове́тские ~ы** қонунҳои советӣ; **основно́й ~ государства** қонуни асосии давлати; **Зако́н о защи́те ми́ра** Қонуни муҳофизати сулҳ; **избирательный ~** қонуни интихобот; **ко́декс ~ов о труде́** маҷмуаи қонунҳои меҳнат; **в соотве́тствии с ~ом** мувофиқи қонун; **де́йствовать согласно ~у (с ~ом)** аз руи қонун амал кардан; **равенство граждан пе́ред ~ом** баробарҳуқуқии гражданҳо дар пеши қонун; **проведе́ние в жизнь ~ов СССР** ба ҳаёт татбиқ кардани қонунҳои СССР; **его́ сло́во для нас — ~** сухани у барои мо қонун аст; **приказ командира — ~** фармони командир қонун аст 2. *(обычай)* расм, тариқ, оин; ~ **ве́жливости** расми адаб, тариқи одоб; ~ **гостеприи́мства** тариқи меҳмоннавозӣ 3. *чаще мн.* **зако́ны** *(основные положения)* қоидаҳо; **~ы ша́хматной игры** қоидаҳои бозии шоҳмот 4. *(закономерность)* қонун; ~ **всеми́рного тяготе́ния** қонуни ҷозибаи олам; **~ы разви́тия о́бщества** қонунҳои инкишофи ҷамъият 5. *уст. (религиозное учение)* расму оин; **по христиа́нскому ~у** аз руи расму оини насрониён ◇ ~ **бо́жий** дарси фиқҳ; **бу́ква ~а** ҳарфи қонун; **драко́новские ~ы** қонуни бедодгарона (ҷобирона); **вне ~а** ғайри қонунӣ; **объяви́ть кого́-л. вне ~а** касеро аз ҳимояи қонун хориҷ (берун) эълон кардан; ~ **не пи́сан** *для кого, кому прост.* ба қонун ва қоида итоат намекунад; **вступи́ть в ~, приня́ть ~** *уст. прост.* ба ақди никоҳ даромадан; **жить (состоя́ть) в ~е** *уст. прост.* ба ақди никоҳ даромада зистан

зако́нник *м разг.* 1. *(знаток законов)* қонуншинос, қонундон, ҳуқуқшинос 2. *(строго соблюдающий законы)* қонунпараст, расмиятдуст

зако́нно *нареч.* 1. *(согласно с законом)* қонунан, мувофиқи (аз руи) қонун, [ба таври] қонунӣ 2. *(правильно, справедливо)* дуруст, одилона

законнорождённый, -ая, -ое *уст.* қонунӣ таваллудёфта (зоидашуда)

зако́нност||ь *ж* 1. қонунӣ будан(и); **~ь реше́ния суда** қонунӣ будани қарори суд 2. қонуният; **социалисти́ческая ~ь** қонунияти социалистӣ; **быть на страже сове́тской ~и** дар муҳофизати қонунияти советӣ будан 3. *перен.* дуруст (ҳаққонӣ) будан(и); табиӣ будан(и); **~ь тре́бований** ҳаққонӣ будани талабот

зако́нн||ый, -ая, -ое (зако́н|ен, -на, -но) 1. қонунӣ; ...и конун; **~ое прави́тельство** ҳукумати қонунӣ; **~ый документ** ҳуҷҷати қонунӣ; **~ым образом** ба таври қонунӣ 2. *перен.* дуруст, одилона, ҳаққонӣ, барҳақ; **~ое тре́бование** талаби ҳаққонӣ; **~ая гордость** ифтихормандии барҳақ ◇ **~ый брак** никоҳи қонунӣ

законо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки мансубият ба қонунро нишон медиҳад:* **законопрое́кт** лоиҳаи қонун

законове́д *м* қонуншинос, қонундон, ҳуқуқшинос, ҳуқуқдон

законове́дение *с уст.* қонуншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ

законода́тель *м* 1. қонунбарор, қонунгузор 2. муқарраркунанда, таъинкунанда; ~ **мод** муқарраркунандаи мудҳо

законодательница *женск. к* **законода́тель**

законода́тельн||ый, -ая, -ое ...и қонунбарор, ...и қонунгузорӣ; **~ая власть** ҳокимияти қонунбарор; **~ый о́рган** органи қонунбарор

законода́тельств||о *с* 1. қонунбарорӣ, қонунгузорӣ; **вопросы ~а** масъалаҳои қонунбарорӣ 2. маҷмуаи қонунҳо, қонунҳо, қавонин; **сове́тское ~о** қонунҳои советӣ; **трудово́е ~о** қонуни меҳнат

закономе́рно *нареч.* қонунӣ, мунтазам

закономе́рност||ь *ж* қонуният, мувофиқи қонун будан(и), мутобиқат бо қонун; **истори́ческая ~ь** қонунияти таърихӣ; **объекти́вная ~ь** қонунияти объективӣ; **~и разви́тия приро́ды** қонунияти инкишофи табиат; **прояви́ться как ~ь** ба сифати қонуният зоҳир шудан

закономе́рн||ый, -ая, -ое (закономе́р|ен, -на, -но) қонунӣ, мувофиқи қонун, табиӣ; **~ый эта́п** марҳилаи қонунӣ (табиӣ); **~ое явле́ние** ҳодисаи қонунӣ (табиӣ)

законопатить *сов. что* сурох ва таркишҳоро бастан (маҳкам кардан); ~ **дверь** тарқишҳои дарро маҳкам кардан

законопа́чивать *несов. см.* **законопатить**

законопа́чиваться *несов. страд.* маҳкам карда шудан

законоположе́ние *с* қонун, маҷмӯаи қонунҳо

законопрое́кт *м* лоиҳаи (тарҳи) қонун; **разрабо́тка ~а** таҳияи лоиҳаи қонун

законоучитель *м уст.* муаллими дарси фиқҳ

законсерви́ровать *сов. что* 1. консерв кардан; ~ **о́вощи** сабзавотро консерв кардан 2. *перен.* хобонда мондан, мавқуф гузоштан; ~ **строительство** сохтмонро хобонда мондан

законсерви́рова||ться *сов.* 1. консерв шудан; **фру́кты ~лись** меваҳо консерв шуданд 2. *перен.* хобонда шудан, мавқуф гузошта шудан; **строи́тельство ~лось** сохтмон хобонда шуд

законспекти́ровать *сов. что* конспект кардан; ~ **статью** мақоларо конспект кардан

законспири́ровать *сов. кого-что* пинҳон кардан, махфӣ нигоҳ доштан

законспири́роваться *сов.* махфӣ амал кардан

законтрактова́ть *сов. кого-что* контрактация кардан, шартнома бастан; ~ **помеще́ние** иморатро контрактация кардан

законтрактоваться *сов.* аз руи шартнома кор кардан, доир ба кор шартнома бастан

законтракто́вывать *несов. см.* **законтрактова́ть**

законтракто́вываться *несов.* 1. **законтрактова́ться**; 2. *страд.* контрактация карда шудан

законфу́зиться *сов.* ба хиҷолат мондан, изо кашидан, шармидан

зако́нченность *ж* пуррагӣ, тамомият, мукаммалӣ, мукаммалият; комил бу-

дан(и); ~ мысли пуррагии фикр; ~ **поэтического образа** комил будани образи шеърӣ

закончённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тамом кардашуда, ба охир расонидашуда 2. *прил.* пурра, комил, мукаммал; **~ое высшее образование** маълумоти олии пурра; **~ый образ** образи мукаммал 3. *прил.* баркамол, болиғ, соҳибкамол; **~ый художник** рассоми баркамол 4. *прил. перен. разг.* гузаро; рафта истодагӣ; **~ый негодяй** нобакори гузаро

закончить *сов. что* тамом кардан, ба анҷом (ба охир, ба поён, ба итмом) расондан; ~ **работу** корро тамом кардан; ~ **строительство** сохтмонро ба анҷом расондан

закончи||ться *сов.* тамом шудан, ба охир (ба поён) расидан, анҷом ёфтан; **война ~лась победой** ҷанг бо ғалаба анҷом ёфт; **собрание ~лось** маҷлис тамом шуд

закопать *сов.* 1. *кого-что* гӯр кардан, гӯронидан; ~ **в землю** ба замин гур кардан 2. *что* пур кардан; ҳамвор кардан; ~ **яму** чуқуриро пур кардан; чуқуриро ҳамвор кардан

закопаться I *сов.* *(зарыться)* худро зери хок кардан, ғутидан, фуру рафтан;~ **в песок** худро ба рег гур кардан

закопаться II *сов. прост.* *(замешкаться)* кашолакорӣ (ҳаял) кардан, дер мондан, таъхир кардан

закопёрщик *м* 1. сардори бригадан сутункубҳо (поякубҳо) 2. *перен. прост.* саркор, сабабгор, ташаббускор

закопёрщица *женск. к* **закопёрщик** 2

закопошиться *сов. разг.* ба ҳаракат даромадан, ба ҷунбиш омадан, ба ҷунбуҷул сар кардан

закоптевший, -ая, -ее 1. *прич.* дудзада, сиёҳшуда 2. *см.* **закоптелый**

закоптел||ый, -ая, -ое дудгирифта, дудхӯрда, аз дуд сиёҳшуда; **~ые стены** деворҳои аз дуд сиёҳшуда

закоптеть *сов. разг. см.* **закоптиться** I

закоптить I *сов. что* 1. бо дуд сиёҳ кардан; ~ **стены** деворҳоро бо дуд сиёҳ крдан; ~ **стекло** шишаро бо дуд сиёҳ кардан 2. дуд хурондан, дуд додан; ~ **рыбу** моҳиро дуд додан

закопти||ть II *сов.* ба дудкунӣ сар кардан; **лампа ~ла** чароғ ба дудкунӣ сар кард

закопти||ться *сов.* 1. аз дуд сиёҳ шудан, дуд гирифтан, дуд хурдан, аз дуд зада шудан, дуда пахш кардан; **стены ~лись** деворҳо аз дуд сиёҳ шуданд 2. *(о рыбе, мясе)* дуд хурдан, дуд хӯрда тайёр шудан; **рыба ~лась** моҳӣ дуд хӯрда тайёр шуд

закопчённый, -ая, -ое 1. *прич.* бо дуд сиёҳ кардашуда; дуд хурондашуда 2. *прил.* дудгирифта, дудхурда

закоренелость *ж* 1. кӯҳна (дерина) будан(и) 2. ислоҳнопазир будан(и), ислоҳнашавандагӣ

закоренел||ый, -ая, -ое 1. кӯҳна, музмин, дерина; **~ая болезнь** дарди кӯҳна 2. ислоҳнашаванда, ислоҳнопазир, ашаддӣ; **~ый преступник** ҷиноятхори ашаддӣ (ислоҳнашаванда)

закоренеть *сов.* 1. реша давондан, кӯҳна (музмин) шудан 2. *в чём* ислоҳнопазир (ашаддӣ) шудан; ~ **в предрассудках** ба хурофот дода шудан

закорить *сов. кого-что прост.* маломат (сарзаниш, таъна, коҳиш) карда азият додан

закорки *тк. мн. прост.* сари китф; **сесть на** ~ ба сари китф савор шудан

закормить *сов. кого разг.* аз ҳад зиёд хӯрондан; бисьёр хурондa касал кардан; ~ **ребёнка** бачаро бисьёр хӯронда касал кардан

закоробн||ть *сов. разг.* 1. *безл. что* тоб партофтан, каҷ кардан, печутоб хурондан; **берёсту ~ло на огне** пусти тус дар оташ печутоб хурд 2. *кого перен.* нафрат овардан, нафрат омадан; **меня ~ло от его слов** аз суханони вай нафратам омад

закоробнться *сов. разг.* тоб партофтан, каҷ шудан, печутоб хурдан

закорузлый, -ая, -ое *прост. см.* **заскорузлый**

закорюч||ка *ж разг.* 1. печ, печу тоб; **почерк с ~ками** хати серпечу тоб 2. *перен.* ҳила, найранг; **говори без ~ек!** бедумчаю кадуча гап зан! 3. *перен.* *(помеха)* халал, монеа, даранг

закоснел||ый, -ая, -ое 1. шах шудамонда, кӯҳнашуда, кӯҳна; **~ые привычки** одатҳои кӯҳна 2. ислоҳнашаванда, ислоҳнопазир; **~ый преступник** ҷиноятхори ислоҳнашаванда

закоснеть *сов. в чём* ғутидан, фуру рафтан, ғарқ шуда мондан; ~ **в невежестве** гирифтори ҷаҳолат шуда мондан

закостенелость *ж* карахтӣ, шахӣ

закостенел||ый, -ая, -ое сахтшуда, карахтшуда, шахшуда, карахт (шах) шудамонда; **~ые руки** дастҳои шах шудамонда

закостене||ть *сов.* 1. сахт (карахт, шах) шудан, сахт (карахт, хушк, шах) шуда мондан; **рука ~ла** даст шах шуда монд 2. *перен. см.* **закоснеть**

закоул||ок *м* 1. *(глухой переулок)* тангкуча, паскуча; **идти ~ками** бо паскӯчаҳо рафтан 2. *(в помещении)* гуша, кунҷак, кунҷ; **обыскать в доме все углы и ~ки** ҳамаи кунҷу канори хонаро кофтан

закоченевший, -ая, -ее *прич.*, *прил.* шахшуда, карахтшуда, хунукхурда, яхбаста

закоченел||ый, -ая, -ое карахтшуда, хунукхурда, яхбаста шахшуда; **~ые пальцы** ангуштони карахтшуда

закочене||ть *сов.* шах (карахт) шудан, ях бастан (кардан); **пальцы ~ли** ангуштон шах шуданд

закрадываться *несов. см.* **закрасться**

закраивание *с см.* **закройка**

закраивать *несов. см.* **закроить**

закраиваться *несов. страд.* бурида шудан

закраина *ж* 1. *разг.* гӯша, канор // *тех.* лаби чизе 2. *(лёд, примёрзший к берегу)* яхи канора 3. *(водное пространство между берегом и краем льда)* обкушоии яхи канора

закрапать I *сов. кого-что (забрызгать)* чаккондан, хол-хол кардан, чаракса паррондан

закрапа||ть II *сов.* *(начать крапать)* чакидан гирифтан, нармак-нармак боридан гирифтан, боридан гирифт

закраснть *сов. что* ранг кардан; ранг карда нопадид кардан, ранг карда пушидан; ~ **пятна** доғҳоро ранг карда нопадид кардан

закраси||ться *сов.* ранг карда пушида шудан; **пятно ~лось** доғ ранг карда пушида шуд, доғ дар таги ранг монд

закраска *ж см.* **закрашивание**

закрасне||ть *сов.* 1. *(начать краснеть)* ба сурхшавӣ даромадан // *(стать красным)* сурх шудан; **вишни ~ли** олуболу ранг гирифт 2. *(показаться)* сурхча намудан, сурх тофтан; **впереди ~ли крыши домов** дар пеш бомҳои хонаҳо сурхча тофтанд

закраснеться *сов.* 1. *см.* **закраснеть**. 2. *(от стыда, волнения)* сурх шудан

закра||сться *сов.* ба вуҷуд омадан, пайдо шудан; **в душу ~лось подозрение** дар дил шубҳа пайдо шуд

закрашивание *с (по знач. гл.* **закраснть)** ранг кардан(и); бо ранг пушидан(и)

закрашивать *несов. см.* **закрасить**

закрашиваться *несов.* 1. *см.* **закраситься**; 2. *страд.* ранг карда шудан; ранг карда пушида шудан

закрёп||а *ж* часпак, бандак *(барои пайваст кардани чизе)*; **~ы ослабли** часпакҳо суст шуданд

закрепнтель *м фото, тех.* фиксаж *(маҳлули химиявӣ барои собит ё зоҳир кардани акс ва устувор кардани ранги матоъ)*

закрепнть *сов.* 1. *что* мустаҳкам (маҳкам, устувор) кардан, зич кардан; ~ **верёвку** арғамчинро баста мустаҳкам кардан; ~ **паруса** бодбонҳоро мустаҳкам кардан 2. *горн.* танба (ҳаҷча) монда роҳравҳои конро мустаҳкам кардан 3. *фото, тех.* фиксаж кардан; ~ **фотоснимок** аксро фиксаж кардан 4. *что воен.* мустаҳкам карда нигоҳ доштан; ~ **позиции** мавқеъҳоро мустаҳкам карда нигоҳ доштан 5. *что перен.* аз даст надодан, устувор (пойдор) кардан; ~ **успехи** муваффақиятҳоро аз даст надодан 6. *кого-что за кем-чем* банд (вобаста) кардан; супурдан; ~ **за собой место** ҷойро барои худ банд кардан; ~ **инструмент за рабочим** асбобро ба коргар вобаста кардан 7. *кого уст.* ғулом (банда) кардан ◇ **желудок закрепило** *безл.* меъда сахт шуд

закрепи||ться *сов.* 1. мустаҳкам (маҳкам, устувор) шудан, зич шудан; **верёвка ~лась** арғамчин мустаҳкам шуд 2. *воен.* аз даст надодан; **~ться на позициях** мавқеъҳоро аз даст надодан 3. *перен.* аз даст нарафтан, устувор шудан; **успехи ~лись** муваффақиятҳо устувор шуданд

закрепк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **закре-**

пить 1) маҳкам кардан(и); произвести ~у шва чокро маҳкам кардан 2. бастак, асбоби баст

закрепление *с* (*по знач. гл.* **закрепить**) мустаҳкам (маҳкам) кардан(и); аз даст надодан(и); вобаста кардан(и), банд кардан(и); (*по знач. гл.* **закрепиться**) мустаҳкам (устувор) шудан(и): ~ **каната** мустаҳкам кардани арғамчин; ~ **успехов** аз даст надодани муваффақиятҳо; ~ **земли за колхозами** ба колхозҳо вобаста кардани замин

закреплять *несов. см.* **закрепить**

закрепляться *несов.* 1. *см.* **закрепиться**; 2. *страд.* мустаҳкам (маҳкам) карда шудан; аз даст дода нашудан; вобаста карда шудан, банд карда шудан

закрепляющ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* мустаҳкамкунанда, маҳкамкунанда; бандкунанда ◇ ~**ее средство** доруи зидди дарунравӣ, доруи дарунро сахткунанда

закрепостить *сов. кого-что* 1. *ист.* крепостной кардан, ғулом (банда, чурӣ) кардан; ~ **крестьян** деҳқононро крепостной кардан 2. *перен.* ба худ тобеъ кардан

закрепоститься *сов.* 1. *ист.* крепостной шудан, ғулом (банда, чурӣ) шудан 2. *перен.* ба касе тобеъ шудан, тобеи касе шудан

закрепочн||ый, -ая, -ое ...и мустаҳкамгарӣ, мустаҳкамкунанда, маҳкамкунанда; ~**ая машина** мошини мустаҳкамгарӣ

закрепощать *несов. см.* **закрепостить**

закрепощаться *несов.* 1. *см.* **закрепоститься**; 2. *страд.* крепостной карда шудан; тобеъ карда шудан

закрепощение *с* (*по знач. гл.* **закрепостить**) крепостной кардан(и), ғулом (банда) кардан(и); тобеъ кардан(и); (*по знач. гл.* **закрепоститься**) крепостнойшавӣ

закристаллизовать *сов. что* булур кардан, шуша бандондан, кристалл гардондан

закристаллизоваться *сов.* булур шудан, шуша бастан, кристалл гардидан

закрича||ть *сов.* дод (фарьёд, чеғ, бонг) задан; **ребёнок** ~**л** кудак фарьёд зада гирист

закроечный, -ая, -ое *см.* **закройный**

закроить *сов. что портн., сапожн.* буридан (*либосвориро, чармро ва г.*)

закрой *м см.* **закройка**

закройка *ж* (*по знач. гл.* **закроить**) буридан(и)

закройн||ый, -ая, -ое *портн., сапожн.* ...и либосбурӣ; ...и чармбурӣ; ~**ый цех** цехи либосбурӣ; цехи чармбурӣ; ~**ая машина** мошини либосбурӣ; мошини чармбурӣ

закройщик *м портн., сапожн.* либосбур; чармбур

закройщица *женск. к* **закройщик**

закром *м* ҳамма, кулин, анбор; ~**а государства** анбори давлат

закругление *с* 1. (*по знач. гл.* **закруглить** 1) лунда (гирда, мудаввар) кардан(и); (*по знач. гл.* **закруглиться** 1) лунда (гирда, мудаввар) шудан(и) 2. ҳамӣ, қачӣ, печ, ҳалқа

закруглённость *ж* лундагӣ, мудаввварӣ, доирашакл будан(и)

закруглённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* лунда (гирда, мудаввар) кардашуда 2. *прил.* лунда, гирда, мудаввар 3. *прил. перен.* равон, мавзун; **говорить** ~**ыми фразами** равон (салис) гап задан

закруглить *сов. что* 1. лунда (гирда, мудаввар) кардан; ~ **углы** тезии гушаҳоро суфта кардан 2. *перен.* такмил додан, мавзун кардан; ~ **фразу** ибораро суфта (салис) кардан

закруглиться *сов.* 1. лунда (гирда) шудан 2. *перен. прост.* кутоҳ кардан

закруглять *несов. см.* **закруглить**

закругля||ться *несов.* 1. *см.* **закруглиться**; **ваше время истекло**, ~**йтесь** *прост.* вақтатон тамом шуд, гапро кутоҳ кунед! 2. *страд.* лунда (гирда) карда шудан

закружить I *сов. кого-что* 1. бисьёр чарх занонда монда кардан; ~ **в танце** дар рақс бисьёр чарх занонда монда кардан 2. *перен. разг.* (*сбить с толку*) саргаранг кардан, бероҳа (гумроҳ) кардан // *перен. разг.* (*увлечь*) дили касеро рабудан

закружить II *сов.* (*начать кружить*) чарх занондан, ба чархзанонӣ даромадан

закружиться I *сов.* 1. бисьёр чарх зада шалпар шудан 2. *перен. разг.* саргаранг шудан; ~ **в хлопотах** аз ташвишҳо саргаранг шудан, ба ташвиш афтодан

закружиться II *сов.* (*начать кружиться*) ба чархзанӣ даромадан

закрутить I *сов.* 1. *что* тофтан, тоб додан; печондан; ~ **папироску** папирос печондан // (*загнуть*) тофта гардондан, кат кардан; ~ **руки за спину** дастҳоро ба пушт кат кардан 2. *что разг.* тоб дода даровардан, тофта маҳкам кардан; ~ **винт** мурватро тофта маҳкам кардан 3. *что* тоб додан; ~ **усы** бурутро тоб додан 4. *что* печондан; ~ **шарф вокруг шеи** гарданбандро ба гардан печондан 5. *кого-что перен. разг.* (*увлечь*) мафтун кардан, дили касеро рабудан

закрути||ть II *сов. разг.* (*начать крутить*) ба чархзанонӣ даромадан; **ветер** ~**л листья в воздухе** шамол баргҳоро чарх занонда ба ҳаво бардошт

закрути||ться I *сов.* 1. тофта шудан, ба ҳам печидан 2. *разг.* тоб хурда ба ҷои худ даромадан; **гайка** ~**лась** гайка тоб хурда ба ҷояш даромад 3. (*обмотаться*) печидан 4. *перен. разг.* (*захлопотаться*) саргаранг шудан, ба ташвиш афтодан

закрути||ться II *сов. разг.* (*начать крутиться*) ба чархзанӣ даромадан, чарх задан гирифтан; **колёса** ~**лись в обратную сторону** чархҳо чаппа чарх задан гирифтанд

закрутка *ж* 1. *см.* **закручивание**; 2. (*устройство для закручивания*) тобдиҳак 3. *прост.* папироси дастӣ печондашуда

закручивание *с* (*по знач. гл.* **закрутить** I) тобдиҳӣ; тофта маҳкам карда(и); печондан(и); (*по знач. гл.* **закрутиться** I) тофта шудан(и); тоб хурдан(и); печидан(и)

закручивать *несов. см.* **закрутить** I

закручиваться *несов.* 1. *см.* **закрутиться** I; 2. *страд.* тофта шудан, тоб дода шудан; печонда шудан

закручиниться *сов фольк. и обл.* дилгир (ғамгин) шудан, зиқ (шудан)

закрывание *с* (*по знач. гл.* **закрыть**) бастан(и), пушидан(и), маҳкам кардан(и); (*по знач. гл.* **закрыться**) пушида (баста) шудан(и); ~ **двери** бастани дар

закрывать *несов. см.* **закрыть**

закрываться *несов.* 1. *см.* **закрыться**; 2. *страд.* пушида (баста) шудан, маҳкам карда шудан

закрыти||е *с* (*по знач. гл.* **закрыть** 5, 6) бастан(и); ~**е выставки** бастани намоишгоҳ; **время** ~**я магазинов** вақти бастани дуконҳо (магазинҳо)

закрыт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пушидашуда, маҳкам кардашуда 2. *прил.* пушида, баста, болопӯш, маҳкам; ~**ая машина** мошини болопуш 3. *прил.* (*об одежде*) пушида; ~**ый воротник** гулугиребон, гиребони маҳкам 4. *прил.* пушида; ~**ое заседание** маҷлиси пушида 5. *прил. мед.* пушида, дарунӣ, дарунноки; ~**ая форма туберкулёза** шакли пушидаи касалии сил; ~**ый перелом** шикасти пушидаи устухон ◇ ~**ое голосование** овоздиҳии махфӣ; ~**ое море** баҳри дохилӣ (*баҳре, ки тамоми соҳилҳояш хоки як давлат аст*); ~**ое письмо** мактуби пушида; ~**ое учебное заведение** мактаби пушида; **в** ~**ом помещении** дар даруни хона; **при** ~**ых дверях** пушида, пинҳонӣ; **с** ~**ыми глазами** фикр накарда, бо чашми пушида

закрыть *сов.* 1. *что* пушидан, пушондан, бастан; ~ **чемодан** ҷомадонро пушондан; ~ **кастрюлю крышкой** сарпуши дегро пушондан 2. *что* бастан; ~ **границу** сарҳадро бастан; ~ **доступ куда-л.** ба ягон ҷо даромаданро манъ кардан 3. *кого-что* пушондан, пушидан; ~ **ребёнка одеялом** [болои] бачаро бо кампал пушондан // (*заслонить*) пушондан, панаҳ кардан; ~ **лицо руками** руйро бо даст панаҳ кардан; **тучи закрыли небо** абрҳо руи осмонро гирифтанд 4. *что* бастан, пушидан, маҳкам кардан; ~ **окно** тирезаро бастан; ~ **занавес** пардаро пушондан; ~ **дверь на ключ** дарро қуфл кардан // *кого-что* (*в помещении*) маҳкам карда мондан; ~ **детей в комнате** дарро аз болои бачаҳо маҳкам карда мондан 5. *что* пушидан, бастан; ~ **книгу** китобро пушидан; ~ **глаза** чашмро пушидан 6. *что* маҳкам кардан, бастан; ~ **газ** газро маҳкам кардан; ~ **воду** обро бастан 7. *что* тамом кардан, хотима додан, бастан; ~ **собрание** маҷлисро бастан; ~ **прения** музокираро тамом кардан; ~ **журнал** журналро бастан ◇ ~ **глаза на что-л.** чашм аз чизе пушидан, аҳамият ба чизе надо-

дан, худро ба нодонӣ задан; ~ **двери дома перед кем-л.** *уст.* дари хонаро ба рӯи касе бастан; ~ **душу на замок** дарундор (дамдузд) шудан; ~ **кавычки** нохунак пушидан; ~ **лавочку** *прост.* корро тамом кардан; ~ **рот кому-л.** *прост.* даҳони касеро бастан; ~ **скобки** қавсро пушидан; ~ **счёт** 1) счётро барҳам додан 2) пулдиҳиро бас кардан *(дар бораи банк)*; 3) ҷамъбаст кардан

закры||ться *сов.* 1. пушида (баста) шудан, руст (маҳкам) шудан; **чемодан ~лся** ҷомадон пушида шуд 2. [болои] худро пушондан, пӯшида шудан; **~ться одеялом** [болои] худро бо кампал пушондан // *(заслониться)* панаҳ шудан, худро панаҳ кардан; **~ться руками от яркого света** рӯи худро бо даст аз рушноии баланд панаҳ кардан 3. пушида (баста) шудан, маҳкам шудан; **окно ~лось** тиреза маҳкам шуд; **дверь ~лась** дар баста шуд // *(в помещении)* худро маҳкам кардан; **~ться в комнате** худро дар хона маҳкам кардан 4. пушида (баста) шудан; **книга ~лась** китоб пушида шуд; **глаза ~лись** чашмҳо пушида шуданд 5. тамом шудан, пушида (баста) шудан, маҳкам шудан; **выставка ~лась** намоишгоҳ пушида шуд; **магазин ~лся** магазин (дукон) баста шуд; **собрание ~лось** маҷлис тамом шуд 6. *(зажить — о ране)* дуруст (сиҳат) шудан

закрякать *сов.* ба ғоқ-ғоққунӣ сар кардан, ба ғоқ-ғоқ шурӯъ кардан

закряхтеть *сов. разг.* ба аҳҳу ӯҳ даромадан, ба оҳу воҳ шурӯъ кардан

закувыркаться *сов. разг.* ба муаллақзанӣ даромадан

закудахтать *сов.* ба қут-қут даромадан, ба қуд-қуд шуруъ кардан

закудрявиться *сов.* ҷингила (фатила) шудан

закукарекать *сов.* ба чеғзанӣ (ба бонгзанӣ) сар кардан, ба у-у даромадан

закуковать *сов.* ба ку-ку даромадан

закулисн||ый, -ая, -ое 1. ...и пушти саҳна, ...и паси парда; **~ое помещение** хонаи пушти саҳна 2. *перен.* маҳфӣ, пинҳонӣ, маҳрамона, махфиёна; **~ая жизнь** ҳаёти пасипардагӣ; **~ые переговоры** гуфтугузори пинҳонӣ

закуп *м ист.* закуп *(дар Руси Қадим деҳқоне, ки карз гирифта тобеи заминдор мешуд)*

закупание *с см.* **закупка**

закупать I *несов. см.* **закупить**

закупать II *сов. кого разг.* бисьёр оббозӣ кунонда зарар расондан, обгазид кардан; ~ **лошадей** аспҳоро обгазид кардан

закупаться I *несов. страд.* яклухт (кутара) харида шудан; харида монда шудан

закупаться II *сов. разг.* бисьёр оббозӣ карда ба худ зарар расондан, обгазид шудан

закупить *сов.* 1. *что (скупить, купить оптом)* яклухт (кӯтара) харидан 2. *что, чего (запасти)* харида мондан (захира кардан); ~ **дров на зиму** барои зимистон ҳезум харида мондан 3. *кого уст. (подкупить взятками)* харида гирифтан, пора (ришва) додан

закупка *ж (по знач. гл.* **закупить)** кутара харидан(и), харид, харидан(и), харид кардан(и); ~ **провизии** харидани озуқа; ~ **зерна государством** хариди ғалла аз тарафи давлат

закупоривание *с (по знач. гл.* **закупорить)** бастан(и), пушидан(и), маҳкам кардан(и)

закупоривать *несов. см.* **закупорить**

закупориваться *несов.* 1. *см.* **закупориться;** 2. *страд.* баста (пушида) шудан, маҳкам (руст) карда шудан

закупорить *сов. что* бастан, пушидан, маҳкам (руст) кардан; ~ **бутылку** даҳони шишаро бастан // *кого перен. разг.* маҳкам кардан; ~ **в душном помещении** дар хонаи дим маҳкам кардан

закупориться *сов.* баста шудан, маҳкам (руст) шудан // *перен. разг.* маҳкам шудан; ~ **в комнате** дар хона маҳкам шуда мондан

закупорка *ж (по знач. гл.* **закупорить)** бастан(и), маҳкам (руст) кардан(и), инсидод; *(по знач. гл.* **закупориться)** баста шудан(и), маҳкам шудан(и); ~ **бутылок** бастани даҳони шишаҳо; ~ **вен** *мед.* инсидоди раги варид

закупочн||ый, -ая, -ое ...и харид, ...и харид кардан(и); **~ый пункт** пункти харид; **~ая цена** нархи харид

закупщик *м* харидкунанда, кутарахар

закуражиться *сов. прост.* ба беҳаёгӣ (ба беруӣ) сар кардан

закуривание *с (по знач. гл.* **закурить)** даргирондан(и), дуд кардан(и)

закуривать *несов. см.* **закурить**

закуриваться *несов.* 1. *см.* **закуриться** 1; 2. *страд.* даргиронда шудан; дуд карда шудан

закурить *сов.* 1. *что и без доп.* даргирондан; ~ **папиросу** папиросро даргирондан 2. *(стать курильщиком)* тамокукаш шудан 3. *что (прокоптить)* тамоку кашида дуд кардан

закури||ться *сов.* 1. даргирифтан; **трубка ~лась с трудом** тамокуи чубук ба зӯр даргирифт 2. *(задымиться)* дуд баромадан гирифтан; **над крышей ~лся дымок** аз мурӣ дуд ҳалқа зада баромадан гирифт

закурлыкать *сов. ба* кур-кур даромадан *(оид ба турнаҳо)*

закурчави||ться *сов.* ҷингила (фатила) шудан; **волосы ~лись** мӯй ҷингила шуд

закуса||ть *сов. кого-что разг.* бисьёр газида азоб додан; **комары ~ли** хомушакҳо бисьёр газида азоб доданд

закусаться *сов. разг.* газидан гирифтан

закусить I *сов. что* газидан, газида доштан; ~ **губу** лаб газидан ◇ ~ **удила** *прост.* бенухта шудан; ~ **язык** лаб фурӯ бастан, забонро нигоҳ доштан

закусить II *сов.* 1. *чем, чего и без доп.* худро шушбанд кардан, шушбанд шудан 2. *что чем* даҳон ширин кардан; ~ **лекарство конфетой** аз болои дору даҳонро бо конфет ширин кардан

закуск||а *ж* 1. *см.* **закусывание** II; 2. *(еда)* хуриш, газак, нукл ◇ **на ~у** *шутл.* дар фаровард

закусочная *ж* ошхонача

закусочн||ый, -ая, -ое ...и газак, ...и хуриш; ...и нукл; **~ые блюда** таомҳои сард

закусывание I *с (по знач. гл.* **закусить** I) газидан(и), газидагирӣ

закусывание II *с (по знач. гл.* **закусить** II) шушбанд кардан(и)

закусывать I, II *несов. см.* **закусить** I, II

закусываться *несов. страд.* газида шудан

закут *м,* **закута** *ж обл.* 1. *(хлев)* оғилхона, кура 2. *(чулан)* мадон; ганҷур; *(тёмный угол)* кунҷи торик, кунҷак, бурчак; *(каморка)*, коза, кулба

закутать *сов. кого-что* печондан, пушондан, бастан; ~ **голову платком** сарро бо руймол печондан

закутаться *сов.* печидан, худро печондан; ~ **в одеяло** худро ба кампал печондан

закутить *сов.* айёшӣ (майхурӣ) сар кардан, ба айшу нӯш шурӯъ кардан

закутка *ж,* **закуток** *м см.* **закут**

закутывать *несов. см.* **закутать**

закутываться *несов.* 1. *см.* **закутаться;** 2. *страд.* печонда шудан

зал *м* 1. толор, зал; **~ы дворца** толорҳои қаср; **зрительный** ~ зали тамошо; **читальный** ~ қироатхона 2. *уст.* қабулгоҳ

зала *ж уст. см.* **зал**

заладит||ь *сов. прост.* 1. *что и без доп.* гашта-баргашта (такрор ба такрор) гуфтан; **~л одно и то же** як гапро гашта-баргашта мегуяд 2. *с неопр. (упорно делать что-л.)* кореро бисьёр мекардагӣ шудан; **он ~л ходить на охоту** вай ба шикор бисьёр мерафтагӣ шуд

заладит||ься *сов. чаще с отриц. прост.* дуруст шудан, пеш рафтан; **работа не ~лась** кор пеш нарафт

залакировать *сов. что* лок кардан (задан)

залакировывать *несов. см.* **залакировать**

залакировываться *несов. страд.* лок карда шудан

заламывать *несов. см.* **заломить** I

заламываться *несов. страд.* шикаста шудан; зиёд гузошта шудан

залапать *сов. что прост.* даст-даст карда олондан, ламсида-ламсида чиркин кардан

заласкать *сов. кого разг.* бисьёр навозиш кардан, эрка (нозпарвард) кардан; ~ **ребёнка** бачаро эрка кардан

залатать *сов. что* ямоқ кардан, дарбеҳ кардан, поргӣ андохтан

залаять *сов.* ба ак-ак (ба ав-ав) даромадан, ба аккосзанӣ сар кардан

залгаться *сов.* аз бисьёр дурӯғгӯӣ саргум шудан

залебезить *сов.* оа хушомадгӯй сар кардан

залегание *с геол., горн.* хобиш; ~ **угольного пласта** хобиши қабати ангиштсанг

залегать *несов. см.* **залечь**

заледенел||ый, -ая, -ое яхбаста, яхкарда; ~**ая дорога** роҳи яхбаста // *(закоченевший)* карахтшуда, шахшуда, хунукхурда; ~**ые руки** дастҳои яхкарда

заледенение I *с (по знач. гл.* **заледенеть**) ях бастан(и), ях кардан(и), яхбандӣ

заледенение II *с (по знач. гл.* **заледенить**) ях бандондан(и), шах кунондан(и), ях кунондан(и)

заледене||ть *сов.* ях бастан, **ях** кардан, шах шудан; **окно** ~**ло** тиреза ях баст // *(закоченеть)* карахт (шах) шудан, хунук хурдан; **руки** ~**ли** дастҳо хунук хурданд

заледени||ть *сов. кого-что* ях бандондан, ях кунондан; **дорогу** ~**ло** *безл.* роҳ ях баст, роҳ яхбандӣ шуд

залежал||ый, -ая, -ое *разг.* хобидамонда, таҳмонда, таги дукон монда, куҳна[шуда]; ~**ая мука** орди куҳна; ~**ый товар** моли касод (бозорногир)

залежа||ться *сов.* 1. хобида мондан, аз ҳад зиёд хобидан, хоб карда мондан; **вставай, ты совсем** ~**лся**! хез, бисьёр хоб карда мондӣ!; **письма** ~**лись на почте** мактубҳо дар почта хобида монданд 2. вайрон (ганда) шудан, бу гирифтан, гандидан; **рыба** ~**лась** моҳӣ гандидааст

залёживаться *несов. см.* **залежаться**

залежн||ый, -ая, -ое партов; ~**ые земли** заминҳои партов

залеж||ь *ж* 1. кон, маъдан, рага; ~**и каменного угля** конҳои ангиштсанг 2. *мн.* **залежи туда**; ~**и снега** тудаҳои барф 3. *собир. прост. (о товаре)* моли касмахар 4. *агр.* замини партов

залезать *несов. см.* **залезть**

залезть *сов.* 1. *на что* баромадан, часпида баромадан; ~ **на дерево** ба дарахт часпида баромадан; ~ **на крышу** ба болои бом баромадан 2. *во что, подо что* даромадан, фуромадан; **в дом залез вор** ба хона дузд даромад; ~ **под стол** ба таги миз даромадан 3. *во что прост. (надеть на себя)* пушидан; ~ **в сапоги** муза пушидан; ~ **в рубаху** курта пушидан ◇ ~ **в долги** ба қарз ғутидан; ~ **в душу чью-л., к кому-л.** 1) рози дили касеро фаҳмидан, роздони касе шудан 2) ақли касеро рабудан 3) бо ҳар роҳе ба мағзи пусти касе даромадан; ~ **в чей-л. карман** *прост.* моли мардум хурдан, ба кисаи касе даст андохтан

залениться *сов. разг.* танбалӣ (коҳилӣ) кардан, танбал (беҳавсала) шудан

залепетать *сов.* бо забони ширин ба гап даромадан; ба татапата даромадан

залепи||ть *сов. что* 1. *(замазать)* лой кардан, андова кардан, бастан; ~**ть дыру в стене** сурохи деворро лой кардан // *(заклеить)* часпондан, ширеш кардан; ~**ть разбитое окно бумагой** ба тирезаи шикаста коғаз часпондан 2. часпонда пушондан, часпидан; **снег** ~**л мне лицо** барф ба руям часпид 3. *тж. без доп. прост.* задан; ~**ть пощёчину** кашидаву кушода задан, шаппотин обдор задан 4. *кому прост.* [шарти] гузоштан, мондан; **ему** ~**ли двойку** ба вай шарти баҳои «ду» монданд

залеплять *несов. см.* **залепить**

залепляться *несов. страд.* часпонда шудан

залесить *сов. что* ҷангалзор кардан

залесн||ый, -ая, -ое ...и пушти ҷангал, ...и паси ҷангал; ~**ые земли** заминҳои паси ҷангал

залесье *с* пушти (паси) ҷангал

залёт *м (по знач. гл.* **залететь**) парвоз кардан(и), паридан(и); ~ **на большую высоту** парвози бисьёр баланд

залетать I *несов. см.* **залететь**

залетать II *сов. разг. (начать летать)* ба парвоз сар (шурӯъ) кардан, парвозӣ шудан

залете||ть *сов.* 1. парида даромадан, парвозкунон дохил шудан; **в окно** ~**ла ласточка** аз тиреза фароштурук парида даромад 2. парида (парвозкунон) баромадан; ~**ть на большую высоту** парида бисьёр баланд баромадан // *за что* парида (парвоз карда) рафтан; **самолёт** ~**л за тучу** самолёт аз болои абр парвозкунон рафт 3. *перен. прост.* роҳгузар шуда даромадан; даромада баромадан; ~**ть домой на минутку** як дам ба хона даромада баромадан

залётн||ый, -ая, -ое 1. аз ҷои дигар парида омада; ~**ые птицы** паррандаҳои аз ҷои дигар омада // *перен. разг.* нохост омада; ~**ый гость** меҳмони нохост омада 2. *фольк. и обл. (лихой, удалой)* нотарс, бодпо; ~**ая тройка** сеаспаи бодпо 3. *обл. (высокий — о голосе)* баланд

залечивать *несов. см.* **залечить**

залечиваться *несов.* 1. *см.* **залечиться**; 2. *страд.* сиҳат карда шудан, табобат ёфтан

залечить *сов. кого-что* 1. сиҳат (табобат) кардан, шифо додан; ~ **раны** ҷароҳатро муолиҷа кардан 2. *разг.* ноуҳдабароёна муолиҷа карда ба дами марг расондан; ~ **до смерти** ноуҳдабароёна муолиҷа карда пой ба марг расондан

залечи||ться *сов.* 1. сиҳат шудан, шифо (муолиҷа) ёфтан; **рана** ~**лась** ҷароҳат сиҳат шуд 2. *разг.* бисьёр муолиҷа карда ба худ зиён расондан

зале||чь *сов.* 1. хоб карда мондан, хобида мондан, хоб кардан, [ба] хоб рафтан; **медведь залёг в берлогу до весны** хирс дар лонааш то баҳор хоб рафт 2. пинҳон шуда нишастан; ~**чь в засаду** камин гирифтан 3. *перен.* хобидан, воқеъ гардидан, ҷой гирифтан, ҷойгир шудан; **деревня** ~**гла на левом берегу реки** деҳа дар соҳили чапи дарьё воқеъ гардидааст; **в низине залёг туман** ба пастхамӣ туман фуромад 4. *(об ископаемых)* хобидан, ҷой гирифтан, воқеъ будан; **руда** ~**гла здесь неглубоко** дар ин ҷо маъдан руяк ҷойгир шудааст 5. *(о складках кожи, морщинах)* нақш баста мондан, ҷойгир шуда мондан: **глубокие морщины** ~**гли у него на лбу** дар пешонии вай чинҳои чуқур нақш баста мондаанд 6. *перен. (о мыслях, чувствах)* нақш баста мондан, ҷойгир шуда мондан; **в моей душе глубоко** ~**гли впечатления детства** таассуроти айёми бачагӣ дар умки дилам ҷой гирифта мондааст 7. *фольк. (о дороге)* касногузар шудан

залив I *м геогр.* халиҷ

залив II *м охот.* марғула; **собаки заливали с** ~**ом** сагҳо ба аккоси марғуладор даромаданд

заливание *с (по знач. гл.* **залить** 1) зер кардан(и), рехтан(и); *(по знач. гл.* **залиться** I 1) пахш шудан(и), гарқ шудан(и)

заливать *несов.* 1. *см.* **залить**; 2. *прост. (пьянствовать)* майпараст кардан, бадмастӣ кардан 3. *прост. (лгать)* дуруғ гуфтан (бофтан)

заливаться I *несов.* 1. *см.* **залиться** I; 2. *страд.* пахш карда шудан, гарқ карда шудан; рехта шудан, рехта пур карда шудан

залива||ться II *несов. см.* **залиться** II: **в небе** ~**ются жаворонки** чаковакҳо дар осмон марғуланок месароянд ◇ ~**ться соловьём** *шутл.* булбули гуё шудан

заливисто *нареч.* марғуланок

заливистость *ж* марғуланокӣ, марғуладор будан(и)

заливистый, -ая, -ое (заливист, -а, -о) марғуладор; ~ **лай собак** аккоси ҷарангосии сагҳо

заливка *ж (по знач. гл.* **залить** 4, 5) фарш кардан(и); ямоқ кардан(и); рехта пур кардан(и)

заливно *нареч. см.* **заливисто**

заливное *с* яхнӣ

заливн||ой I, -ая, -ое 1. *(затопляемый водой)* обшор, селгир; ~**ые луга** марғзори обшор (селгир) 2. *(о кушаньях)* яхнӣ; ~**ая рыба** яхнии моҳӣ

заливн||ой II, -ая, -ое *(заливистый)* марғуладор; ~**ые голоса** овозҳои марғуладор

заливочн||ый, -ая, -ое фаршкунанда, ...и фарш кардан(и); ...и ямоқ кардан(и); ...и рехтагарӣ; ~**ая форма** қолиби рехтагарӣ

заливчатый, -ая, -ое *разг. см.* **заливистый**

зализанн||ый, -ая, -ое 1. *разг.* суфта, ҳамвор, тахт; ~**ые волосы** муи тахт 2. *перен.* аз ҳад зиёд ороиш додашуда

зализать *сов. что* 1. лесида тоза кардан, лесида-лесида беҳ кардан; ~ **рану** ҷароҳатро лесида-лесида беҳ кардан 2. *разг.* тахт кардан; ~ **волосы** муйро тахт кардан 3. *перен.* аз ҳад зиёд орову торо додан

зализы *мн. (ед.* **зализа** *ж) разг.* ду тарафи муйрехтаи пешонӣ

зализывание *с (по знач. гл.* **зализать**) лесиш, лесидан(и); тахт кардан(и); орову торо додан(и)

зали́зывать *несов. см.* **зализа́ть**

зали́зываться *несов. страд.* лесида шудан, лесида-лесида беҳ карда шудан

зали́||ть *сов.* 1. *что* зер (пахш) кардан, фаро гирифтан, ғарқ кардан; **весно́й река́ ~ла́ луга́** вақти баҳор дарьё марғзорҳоро зер кард // *перен.* пур кардан, ғарқ кардан; **со́лнце зали́ло я́рким све́том всю ко́мнату** офтоб тамоми хонаро нурборон (пурнур) кард // *перен.* пур кардан, дамидан; **румя́нец зали́л щёки де́вушки** рухсораҳои духтар суп-сурх шуд 2. *кого-что* рехтан, рехта доғдор кардан; **~ть ска́терть черни́лами** ба руи дастархон сиёҳӣ рехтан 3. *что* об пошида хомуш кардан; **~ть ого́нь** оташро об пошида хомӯш кардан 4. *что* рехтан, пушидан, фарш кардан; **~ть у́лицу асфа́льтом** ба кӯча асфальт рехтан, кучаро бо асфальт фарш кардан // *прост.* рехта маҳкам кардан; ямоқ кардан; **~ть гало́ши** калушро ямоқ кардан 5. *что разг.* рехтан, андохтан; рехта (андохта) пур кардан; **~ть бензи́н в ба́ки** ба бакҳо бензин андохта пур кардан ◇ **~ть глаза́ (шары́)** *груб. прост.* масти аласт (лоякъал) шудан; **~ть го́ре (тоску́)** бо май ғамро дур кардан; **~ть за га́лстук** *прост.* май нушидан

зали́||ться I *сов.* 1. *чем* ғарқ шудан, дар зери об мондан, об зер кардан; **луга́ ~ли́сь водо́й** марғзорҳо дар зери об монданд // *перен.* пур шудан, ғарқ шудан, фаро гирифта шудан; **ко́мната ~ла́сь я́рким све́том** хона ғарқи рушноӣ гашт // *перен.* *(румянцем и т. п.)* дамидан 2. олудан, худро олондан; **~ться черни́лами** ба сиёҳӣ олудан 3. гузаштан, даромадан; **вода́ ~ла́сь за воротни́к** об зери гиребон рафт ◇ **~ться кро́вью** ба хун огушта шудан

зали́ться II *сов.* 1. марғула задан; садо баровардан; **~ ла́ем** уллос кашидан 2.: **~ слеза́ми** зор-зор (ҳой-ҳой) гиристан; **~ сме́хом** қоҳ-қоҳ (бо овози баланд) хандидан 3. *прост.* *(отправиться)* роҳӣ шудан

залихва́тски *нареч. разг.* шӯх, диловарона, ҷасурона, бебокона

залихва́тск||ий, -ая, -ое *разг.* шӯх, ҷасур, бебок, густох; **~ая пе́сня** суруди шӯх

зало *с уст. см.* **зал**

зало́г I *м* 1. гарав; **отда́ть в ~** гарав мондан; **вы́купить из ~а** аз гарав баровардан 2. *(заложенная вещь)* зомин, гаравгон; **де́нежный ~** пули гарав 3. *перен.* гарав, исбот; **в ~ дру́жбы** барои исботи дӯстӣ; **~ успе́ха** гарави муваффақият (комгорӣ)

зало́г II *м грам.* тарз; **действи́тельный ~** тарзи фоил; **страда́тельный ~** тарзи мафъул

зало́г III *м обл.* *(целина)* замини нокорам

зало́гов||ый -ая, -ое ...и гарав, гаравӣ; **~ая квита́нция** хатти гарав, гаравхат

залогода́тель *м* гаравдиҳанда, гаравмон, гаравгузор

залогодержа́тель *м* гаравгиранда, гаравгир, гаравдор

заложи́ть *сов.* 1. *что* мондан, ниҳодан, гузоштан, партофтан; **~ ру́ки за́ спину** даст ба пушт кардан; **куда́-то заложи́л письмо́ и ника́к не могу́ найти́** мактубро ба ким-куҷо мондаам, ки ёфта наметавонам; **~ ми́ну** мина гузоштан 2. *что* пур кардан; **~ стол кни́гами** руи мизро бо китоб пур кардан // *(заделать)* маҳкам кардан, пур кардан; **~ дыру́ в стене́ кирпичо́м** сурохи деворро хишт чида маҳкам кардан // *(загородить)* банд кардан, гирифтан; **~ доро́гу брёвнами** пеши роҳро бо ғулачубҳо банд кардан 3. *что* гузоштан, бардоштан; **~ фунда́мент зда́ния** таҳкурсии биноро партофтан; **~ па́мятник** ҳайкал гузоштан // *перен.* асос (поя) гузоштан, буньёд гузоштан, таъсис кардан; **~ осно́ву чего́-л.** асоси чизеро гузоштан 4. *что* хатчуб мондан; **~ ну́жное ме́сто в кни́ге** ба варақи даркории китоб хатчуб мондан 5. *что прост.* бастан, маҳкам кардан; **~ дверь на засо́в** ғалақаи дарро гузарондан 6. *кого-что* бастан, қати кардан; **~ лошаде́й** аспҳоро ба ароба бастан 7. *безл. разг.* баста шудан, руст шудан; **у меня́ заложи́ло у́ши** гушам руст шуд; **у меня́ заложи́ло грудь** роҳи нафасам танг шуд 8. *что* ба гарав додан, гарав мондан; **~ зе́млю** заминро гарав мондан ◇ **~ скла́дку (скла́дки)** чин-чин кардан; **~ за га́лстук** *прост.* май нушидан

зало́жник *м* шахси гаравӣ, гаравгон

зало́жница *женск. к* **зало́жник**

зало́м *м* 1. *(по знач. гл.* **заломи́ть** I 1) нимшикан кардан(и) 2. *разг.* *(надломленное место)* ҷои нимшикан 3. *лес.* банд, танба

заломи́ть I *сов. что* 1. *разг.* нимшикан кардан, шикастан; **~ ве́тку** шохаро нимшикан кардан 2. *прост.* *(цену)* баҳои зиёд гузоштан, нархи бисьёр баланд мондан ◇ **~ ру́ки** дастҳоро ба пушт кардан; **~ ша́пку** телпакро якшоха мондан

заломи́ть II *сов. безл. разг.* сим-сим дард кардан

залосни́ть *сов. что* ялаққосӣ кардан, чарақ-чарақ тобондан

залосни́ться *сов.* ялаққосӣ шудан, чарақ-чарақ тофтан

залощи́ть *сов. что* суфта кардан, ҷилодор кардан, муҳра (пардоз) кардан

залощи́ться *сов.* суфта шудан, ҷилодор шудан

залп *м* шиллик; **оруди́йный ~** шилликн тупҳо

за́лповый, -ая, -ое ...и шиллик; **~ вы́стрел** шиллик

за́лпом *нареч.* 1. бо шиллик, якҷоя; **вы́стрелить ~** якҷоя тирандозӣ кардан 2. *перен. разг.* якбора, дам нагирифта, бо як нафас, бо як дам; **вы́пить ~** бо як нафас нӯшидан (дам кашидан)

залубене́||ть *сов. обл.* шах шудан, сахт шудан; **ко́жа ~ла** пуст шах шуд

залуча́ть *несов. см.* **залучи́ть**

залуча́ться *несов. страд.* чеғ шудан, кашида шудан

залучи́ть *сов. кого разг.* чеғ за... **~ в го́сти** ба меҳмонӣ чеғ задан

залы́сина *ж* ҷои мӯйрехтаи б... чакка

за́льный, -ая, -ое ...и зал. ...и т...

залюбова́ться *сов. кем-чем* ма... шуда тамошо кардан

залязгать *сов.* ба ҷангар-ҷун... (ба шақар-шуқур) сар (шурӯъ) кар...

заля́пать *сов. что прост.* чиркин к... дан

зам *м разг. см.* **замести́тель**

зам: *қисми аввали калимаҳои раккаб ба маънои «ноиб»,* «ҷониш... **замдире́ктор**а ҷонишини директор

замаза́ть *сов. что* 1. ранг моли... ранг кардан; **~ на́дпись на стене́** болои хати рӯи девор ранг молидан *перен. разг.* пардапӯш (рупуш) кар... пинҳон кардан; **~ недоста́тки** ка... диҳоро рӯпӯш кардан 3. олуда (доғ... касиф) кардан; **~ пла́тье** курт... доғдор кардан 4. хамира молидан, мазка кардан; **~ о́кна** тарқиши ти... заҳоро замазка кардан ◇ **~ рот** *ко... чем груб. прост.* даҳони касеро бас...

зама́заться *сов.* олуда (догдор) ... дан

зама́зка *ж* 1. *(по знач. гл.* **зама́зать** ... хамира молидан(и), замазка кардан... 2. замазка, хамира

зама́зывание *с* *(по знач. гл.* **зама́за...** ранг молидан(и); рупуш кардан(... хамира молидан(и), замазка кардан...

зама́зывать *несов. см.* **зама́зать**

зама́зываться *несов.* 1. *см.* **замаза...ся**; 2. *страд.* ранг молида шуд... рупӯш карда шудан; хамира моли... шудан

замалева́ть *сов. что разг.* ранг к... дан, ранг карда пушидан

замалёвывать *несов. см.* **замалева...**

замалёвываться *несов. страд.* р... карда шудан

зама́ливание *с* *(по знач. гл.* **замоли́ть...**) омурзиш, омурзиш хостан(и)

зама́ливать *несов. см.* **замоли́ть**

зама́лчивание *с* *(по знач. гл.* **за...чать** II) қасдан хомуш (сокит) мондан... пинҳон доштан(и); **~ оши́бок** пин... доштани хатоҳо

зама́лчивать *несов. см.* **замолчать**

зама́лчиваться *несов. страд.* пин... карда шудан

зама́нивание *с* *(по знач. гл.* **замани́...**) фирефта ҷалб кардан(и), фирефта ... дом кашидан(и)

зама́нивать *несов. см.* **замани́ть**

зама́ниваться *несов. страд.* фир... ҷалб карда (кашида) шудан

замани́ть *сов. кого-что* фирефта ҷ... кардан (кашидан); бо ҳила ба дом ан... тан; **~ врага́ в заса́ду** душманро ... рефта ба камин кашидан ◇ **кала... не зама́нишь** *кого* ба ҳеҷ тадбир ... кардан мумкин не

зама́нчиво *нареч.* ҷозибона, фир... дилфиребона

зама́нчивость *ж* ҷозиб (фиребо) ... дан(и), дилфиреб будан(и)

зама́нчив||ый, -ая, -ое (зама́нчив, -а, -о) фиребанда, ҷолиб, дилрабо, ҷозиб; ~**ые перспекти́вы**ояндаи ҷозиб

зама́ранн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* чиркин (доғдор) кардашуда 2. *прил. (грязный)* чиркин, доғдор, олуда 3. *прил. перен.* бадном; ~**ая репута́ция** бадномӣ

замара́ть *сов.* 1. *кого-что* чиркин (олуда) кардан, олондан, лаккадор (доғдор) кардан; ~ **ру́ки** дастҳоро чиркин кардан 2. *кого-что перен.* бадном кардан 3. *что уст. (зачеркнуть)* хат задан, кур кардан

замара́ться *сов.* 1. чиркин (лаккадор, доғдор) шудан 2. *перен.* худро бадном кардан

замара́шка *м, ж разг.* чиркинак, ошолуд *(дар бораи кудак)*

зама́ривать *несов. см.* **замори́ть**

замаринова́ть *сов. что* 1. дар сирко хобондан, очорӣ кардан; ~ **огурцы́** бодирингро дар сирко хобондан 2. *перен. прост.* хобонда мондан

замаринова́||ться *сов.* дар сирко хобида расидан, туршидан, очорӣ шудан **фру́кты** ~**лись** мева дар сирко хобида расид

замарино́вывать *несов. см.* **замаринова́ть**

замарино́вываться *несов.* 1. *см.* **маринова́ться**; 2. *страд.* дар сирко хобонда шудан

замаркирова́ть *сов. что* тамға (нишона) задан

замаскиро́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ниқоб (парда) пушондашуда 2. *прил. (в маскарадном костюме)* ниқобпуш, пардапуш 3. *прил. перен.* пинҳонӣ, ниҳонӣ; ~**ые наме́рения** ниятҳои ниҳонӣ

замаскирова́ть *сов.* 1. *кого-что* ниқоб пӯшондан, ба руй ниқоб кашидан 2. *кого-что* маскировка (пинҳон, рупуш) кардан; ~ **ору́дия ве́тками** тупҳоро бо шохаҳо пинҳон кардан 3. *что перен.* (пинҳон) рӯпӯш кардан; ~ **свои́ наме́рения** ниятҳои худро рупуш кардан

замаскирова́||ться *сов.* 1. ниқоб пушидан, ба руй ниқоб кашидан 2. худро пинҳон кардан, пинҳон шудан; **снай́перы** ~**лись** мерганҳо пинҳон шуданд

замаскиро́вывать *несов. см.* **замаскирова́ть**

замаскиро́вываться *несов.* 1. *см.* **замаскирова́ться**; 2. *страд.* ниқобпуш карда шудан; пинҳон (рупӯш) карда шудан

замасленный, -ая, -ое 1. *прич.* равғанолуд кардашуда 2. *прил.* равғанолуд

замасливать *несов. см.* **зама́слить**

зама́сливаться *несов.* 1. *см.* **зама́слиться**; 2. *страд.* равғанолуд карда шудан

замаслить *сов.* 1. *что* равғанолуд кардан, равған задан; ~ **пла́тье** куртаро равғанолуд кардан // *тех.* равған додан; ~ **волокно́** нахро равған додан 2. *кого перен. прост.* моил (ром) гардондан, дили касеро ёфтан; гулуи касеро равған кардан

зама́слиться *сов.* равғанолуд (равғанӣ) шудан

заматере́лый, -ая, -ое 1. *уст.* болиғ 2. *(о деревьях)* кӯҳна 3. *(застарелый, закоренелый)* шах шудамонда, ашаддӣ, гузаро

заматереть *сов.* 1. *уст. (возмужать)* ба балоғат расидан, болиғ шудан 2. *(закоренеть, закоснеть)* шах шуда мондан

заматова́ть *сов. что шахм.* мот кардан; ~ **короля́** шоҳро мот кардан

заматрици́ровать *сов. что полигр.* матрица кардан; ~ **набо́р** ҳуруфи чидашударо матрица кардан

зама́тывание *с (по знач. гл.* **замота́ть** I) печониш, печондан(и); бастан(и); *(по знач. гл.* **замота́ться** I) печиш, печидан(и)

заматывать *несов. см.* **замота́ть** I

заматываться *несов.* 1. *см.* **замота́ться** I; 2. *страд.* печонда шудан; баста шудан

замах *(по знач. гл.* **замахну́ться**) ҳулочкашӣ, даст боло кардан(и); қарор додан(и)

замаха́||ть *сов. (начать махать)* афшондан гирифтан; **орёл** ~**л крыльями** уқоб ба парафшонӣ даромад

замахивание *с см.* **замах**

зама́хиваться *несов. см.* **замахну́ться**

замахну́ться *сов.* 1. *чем, на кого и без доп.* ҳулоч кашидан; ~ **па́лкой** калтак бардошта заданӣ шудан 2. *на что, с неопр. и без доп. перен. разг.* ният (қасд) кардан

зама́чивание *с (по знач. гл.* **замочи́ть**) тар кардан(и); тар карда мондан(и); ~ **семя́н** тар карда мондани тухмӣ

зама́чивать *несов. см.* **замочить**

зама́чиваться *несов.* 1. *см.* **замочи́ться**; 2. *страд.* тар карда шудан

зама́шк||а *ж разг.* атвор, одат, қилиқ; **у́харские** ~**и** одатҳои чапанона

зама́щивание *с (по знач. гл.* **замости́ть**) фарш кардан(и), сангфарш кардан(и); ~ **двора** фарш кардани руи ҳавлӣ

зама́щивать *несов. см.* **замости́ть**

зама́щиваться *несов. страд.* фарш (сангфарш) карда шудан

зама́ять *сов. кого-что прост.* шалпар (хаста) кардан, аз по афтодан, азоб додан

зама́яться *сов. прост.* шалпар (хаста) шудан, азоб кашидан, аз по афтодан

зама́ячи||ть *сов. разг.* намудор (намоён) шудан, тофтан; **впереди́** ~**ли огоньки́** дар пеш чароғҳо намудор шуданд

замедле́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **заме́длить**) суст кардан(и); *(по знач. гл.* **заме́длиться**) суст шудан(и) 2. *уст.* таъхир, даранг; **без** ~**я** бе таъхир

заме́дленность *ж* сустӣ, оҳистагӣ; ~ **движе́ния** сустии ҳаракат

заме́дленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* суст кардашуда 2. *прил.* суст, оҳиста; ~**ые движе́ния** ҳаракатҳои суст; **бо́мба** ~**ого де́йствия** бомбаи деркаф

замедли́тель *м* сусткунанда; ~ **хими́ческой реа́кции** сусткунандаи реакцияи химиявӣ

заме́длить *сов.* 1. *что* суст кардан, ба таъхир андохтан, дер мондан; ~ **ход** гаштро суст кардан 2. дер мондан, таъхир кардан; **не** ~ **яви́ться** бе таъхир ҳозир шудан

заме́дли||ться *сов.* 1. суст(тар) шудан; **движе́ние поезда** ~**лось** гашти поезд сусттар шуд 2. ба таъхир афтодан, дер мондан

замедля́ть *несов. см.* **заме́длить**

замедля́ться *несов.* 1. *см.* **заме́длиться**; 2. *страд.* суст карда шудан, дер монда шудан; ба таъхир андохта шудан

замежева́ть *сов. что уст.* рош (вот, марза) кашидан

замелё||ть *сов.* камоб шудан, паст фуромадан; **река́** ~**ла** дарьё камоб шуд

заме́ливать *несов. см.* **замели́ть**

заме́ливаться *несов. страд.* бӯр молида шудан

замели́ть *сов. что разг.* бур молидан; ~ **сте́ны** ба деворҳо бур молидан

замелька||ть *сов.* 1. йилт-йилт (милт-милт) тофтан гирифтан 2. намудор (дида) шудан; **вдали** ~**ли огни́** аз дур чароғҳо намудор шуданд

замельтеши́ть *сов. прост.* йилт-йилт (милт-милт) тофтан гирифтан

заме́н||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **замени́ть**) иваз (бадал) кардан(и); ~**а одного́ спекта́кля други́м** иваз кардани як спектакль бо спектакли дигар 2. иваз, бадал; **найти́ себе́** ~**у** ба ивази (ҷои) худ одам ёфтан; **служи́ть** ~**ой** ба ҷои чизе кор фармуда шудан

замени́мость *ж* ивазшавандагӣ, бадалшавандагӣ

замени́мый, -ая, -ое (замени́м, -а, -о) ивазшаванда, бадалшаванда

замени́тель *м* бадалӣ, ивазкунанда *(материал ва моддае, ки ба ҷои материал ё моддаи гаронбаҳо ё камьёб кор фармуда мешавад)*

замени́ть *сов. кого-что* 1. *кем-чем* иваз (бадал) кардан, дигар кардан; ~ **винт** винтро иваз кардан 2. ҷо гирифтан; ~ **ребёнку мать** ба бача модар шудан; **его́ не́кем** ~ ба ҷои у одам нест, каси ба ҷои ӯ мемондагӣ нест

заменя́ть *несов. см.* **замени́ть**

заменя́ться *несов. страд.* иваз карда шудан

заме́р *м (по знач. гл.* **заме́рить**) чен (андоза) кардан(и); ~ **у́ровня воды́** чен кардани сатҳи об

замер||е́ть *сов.* 1. карахт (шах) шуда мондан; ~**е́ть на ме́сте** [дар як ҷо] шах шуда мондан; ~**е́ть от восто́рга** аз шодӣ карахт шуда мондан; ~**е́ть от у́жаса** аз даҳшат шах шуда мондан, ваҳшатзада шудан // *(о сердце, дыхании)* бозистодан, аз ҳаракат (аз тапиш) мондан 2. *перен.* қатъ шудан, бозистодан; **движе́ние на у́лицах за́мерло** дар кучаҳо равуой қатъ шуд; **рабо́та** ~**ла́** кор қатъ шуд; **торго́вля** ~**ла** савдо (бозор) касод шуд 3. *перен. (о звуках)* хомуш шудан, барҳам хӯрдан; **песня** ~**ла вдали́** суруд дар дуродур

хомӯш шуд 4. *перен.* (*о словах, речи*) бурида (канда) шудан, қатъ гардидан; **слова замерли у неё на губах** гапаш дар даҳанаш монд

замерзани||е *с* (*по знач. гл.* **замёрзнуть**) яхбандӣ, ях кардан(и); **точка ~я** дараҷаи (нуқтаи) яхбандӣ ◇ **на точке ~я** дар як ҷо шах шуда монда, беҳаракат

замерзать *несов. см.* **замёрзнуть**

замёрзл||ый, -ая, -ое *уст. и прост.* яхбаста, яхкарда, шахшуда; **~ая вода** оби яхбаста

замёрз||нуть *сов.* 1. ях бастан, ях кардан; **река ~ла** дарьё ях баст; **окна ~ли** тирезаҳо ях бастанд 2. аз сармо талаф шудан, хунук зада нобуд шудан; **цветы ~ли** гулҳоро хунук зад 3. *разг.* хунук хурдан, шах шудан, ях кардан; **у меня ~ли руки** дастҳоям ях карданд

замеривать(ся) *несов. см.* **замерять(ся)**

замерить *сов. что* чен (андоза) кардан; **~ участок** қитъаи заминро чен кардан

замертво *нареч.* беҳуд (беҳуш) шуда, мурдавор

замерцать *сов.* йилт-йилт (милт-милт) тофтан гирифтан

замерять *несов. см.* **замерить**

замеряться *несов. страд.* чен (андоза) карда шудан

замес *м* 1. (*по знач. гл.* **замесить**) хамир кардан(и); **~ теста** хамирхобонӣ 2. (*масса*) хамир; хамира; лой; **крутой ~** хамири сахт; лои сахт; **жидкий ~** хамири мулоим, лои шуррут

замесить *сов. что* хамир кардан, сириштан; **~ тесто** хамир хобондан

замеситься *сов.* хамир шудан, сиришта шудан

заме||сти *сов.* 1. *что* руфта туда кардан; **~сти сор в угол** ахлотро руфта ба кунҷ туда кардан 2. *что* зер (пахш) кардан, гирифтан, пушидан, пушондан; **вьюга ~ла все дороги** бурон ҳамаи роҳҳоро барфпуш кардааст; **всё вокруг ~ло снегом** *безл.* барф ҳама ҷоро зер кардааст 3. *кого-что перен. прост.* ба ҳабс гирифтан, ҳабс кардан ◇ **~сти следы чего-л.** осори чизеро пинҳон кардан; **~сти следы преступления** осори ҷиноятро рупуш кардан

заместитель *м* ҷонишин, муовин, ноиб; **~ директора** ҷонишини директор

заместительница *женск. к* **заместитель**

заместительство *с* ҷонишинӣ, муовинӣ, ноибӣ

заместить *сов. см.* **замещать** 3

заместо *нареч. прост. см.* **вместо**

замёт *м рыб.* андохтани тур, турпартоӣ; **улов одного ~а** сайди як турпартоӣ

заметание *с* (*по знач. гл.* **замести**) рӯфтаи(и), рубиш

заметать I *несов. см.* **замести**

заметать II *сов. что* (*зашить наскоро*) хомдузӣ (кук) карда мондан, бахия (кук) задан; **~ платье** куртаро хомдузӣ карда мондан

заметаться I *несов. страд.* рӯфта шудан

заметá||ться II *сов.* 1. саросема (беқарор) шудан; **больной ~лся в постели** бемор дар бистар ором қарор надошт 2. *разг.* худро ба ҳар су задан гирифтан; ба ташвиш афтодан, бесаранҷом шудан; **в отчаянии он ~лся по комнате** ӯ маъюс шуда дар хона худро ба ҳар су задан гирифт

заметить *сов.* 1. *кого-что или с союзами «что», «как»* дида мондан, дидан; **я заметил в толпе своего приятеля** ман дар байни издиҳом дустамро дида мондам; **~ ошибку** хаторо пай бурдан; **за ним не заметили ничего плохого** ягон кори гандаи уро надидаанд 2. *что* дар ёд (хотир) доштан, ба хотир гирифтан; **~ обратную дорогу** роҳи бозгаштро ба хотир нигоҳ доштан 3. *что* қайд (ишора) карда мондан; **~ нужную страницу в книге** саҳифаи даркории китобро қайд карда мондан 4. *что* гуширас (гӯшзад) кардан, гуфта мондан, ёдовар шудан; **нужно ~, что... бояд қайд кард, ки...**, бояд гуфт, ки... // *кому уст.* (*сделать выговор*) сарзаниш (коҳиш) кардан 5. *в знач. вводн. сл.* **заметь(те)** диққат кун(ед), дониста бош(ед)

заметк||а *ж* 1. нишона, аломат; **делать ~и на полях книги** ба ҳошияи китоб аломат гузоштан 2. қайд, ёддошт; **путевые ~и** қайдҳои сафар 3. хабар; **газетная ~а** хабари газета ◇ **брать (взять) на ~у** ба назар гирифтан, қайд кардан; **быть на ~е** *уст.* зери назорати махсус будан

заметливый -ая, -ое (заметлив, -а, -о) *прост.* тезбин, ҳушьёр, зирак

заметно 1. *нареч.* хеле, як қадар, анча; **он ~ похудел** вай хеле лоғар шудааст 2. *в знач. сказ. безл.* маълум аст, аён аст; ба назар менамояд, ки; **было ~, что она очень устала** аён буд, ки у хеле монда шудааст

замети||ый, -ая, -ое (замет/ен, -на, -но) 1. намоён, ошкор; **~ые следы** изҳои намоён 2. ҷолиби диққат, дилкаш; **у него ~ая внешность** қиёфаи у назарнамо аст 3. сахт, хеле калон; **~ая сумма** пули хеле калон; **~ые расходы** харҷи бузург 4. *тк. полн. ф.* намоён машҳур, маълум; **он стал ~ым человеком** вай одами машҳур шуд

замётывать *несов. см.* **заметать** II

замётываться *несов. страд.* кук карда шудан, хомдузӣ карда шудан

замечани||е *с* 1. мулоҳиза, қайд; **критическое ~е** мулоҳизаи танқидӣ; **~я рецензента** қайдҳои тақризнавис 2. танбеҳ, сарзаниш, маломат; **строгое ~е** танбеҳи сахт 3. *уст.* (*наблюдение, вывод*) мушоҳида, хулоса ◇ **брать (взять) на ~е** ба таҳти назорат гирифтан; **быть на ~и** дар таҳти назорат будан; **попасть на ~е** таҳти назорат афтодан

замечательно 1. *нареч.* бисьёр хуб (нағз), олӣ, аҷоиб, ғалатӣ; **он ~ поёт** у бисьёр нағз месарояд 2. *в знач. частицы* хеле хуб, олиҷаноб; **~, завтра мы едем!** хеле хуб, мо фардо меравем!

замечательн||ый, -ая, -ое (замечате/лен, -льна, -льно) 1. бисьёр хуб (нағз); **он ~ый человек** у одами бисьёр нағз аст 2. аҷоиб, сара, ғалатӣ; **в этом городе много ~ого** дар ин шаҳр чизҳои шоёни диққат бисьёр аст

замечать *несов. см.* **заметить**

замечаться *несов.* 1. дида (мушоҳида) шудан, ба назар омадан (расидан), зоҳир шудан 2. *страд.* дида шудан

замечтаться *сов.* ба хаёлу андеша ғарқ шудан, ба фикру хаёл фуру рафтан

замешательство *с* бетартибӣ, парешонӣ, ошуфтагӣ, саросемагӣ; **внести ~ в ряды противника** сафҳои душманро бесарусомон кардан; **привести в ~ кого-л.** касеро саросема (ошуфта) кардан; **прийти в ~** саросема шудан

замешать *сов. кого* аралаш (махлут) кардан, қатӣ (олуда) кардан, кашидан; **~ кого-л. в скандальную историю** касеро ба моҷаро кашидан

замешаться *сов.* 1. омехта (гум) шуда рафтан, аралаш (махлут) шуда рафтан; **~ в толпу** дар байни издиҳом гум шуда рафтан 2. ҳамроҳ (аралаш) шудан, қати (шарик) шудан (будан); **~ в скандальную историю** дар кори ҷанҷолӣ шарик будан 3. *уст.* (*смутиться*) дастпо гум кардан, саросема шуда мондан

замешивать I *несов. см.* **замесить**

замешивать II *несов. см.* **замешать**

замешиваться I *несов.* 1. *см.* **замеситься**; 2. *страд.* хамир карда шудан

замешиваться II *несов.* 1. *см.* **замешаться**; 2. *страд.* қатӣ (аралаш) карда шудан

замешкаться *сов. разг.* ҳаял (таъхир) кардан, андармон шуда мондан

замещать *несов. кого-что* 1. *кем-чем* иваз кардан, ҷой гирифтан 2. ҷонишин (муовин) будан 3. ба ҷои *касе* таъин кардан

замещаться *несов. страд.* ба ҷои *касе* таъин карда шудан

замещени||е *с* (*по знач. гл.* **замещать**) ба ҷои *касе* таъин кардан(и) ◇ **реакция ~я** *хим.* реакцияи муовиза

замигать *сов.* 1. ба чашмакзанӣ сар (шуруъ) кардан 2. ба милт-милт сар кардан

заминать *несов. см.* **замять**

заминаться *несов.* 1. *см.* **замяться**; 2. *страд.* пахш (зер) карда шудан; хобонда шудан

заминировать *сов. что* мина гузоштан; **~ дорогу** ба роҳ мина гузоштан

заминка *ж разг.* халал, сакта, ишкел, душворӣ; **в деле произошла небольшая ~** дар кор андаке сакта афтод

замирание *с* (*по знач. гл.* **замереть**) бозистодан(и), аз ҳаракат мондан(и) ◇ **с ~м сердца** бо дили пуризтироб

замирать *несов.* 1. *см.* **замереть**; 2. (*о голосе*) хомуш (қатъ) шудан

замирение *с* (*по знач. гл.* **замирить**) оштидиҳӣ, оштикунонӣ, сулҳ додан(и); (*по знач. гл.* **замириться**) оштикунӣ, оштишавӣ, сулҳ кардан(и)

замирить *сов. кого-что уст. прост.* оштӣ додан (кунондан), сулҳ додан

замири́ться *сов. уст. прост. с кем* оштӣ (сулҳ) кардан, оштӣ шудан

замиря́ть(ся) *несов. см.* **замири́ть(ся)**

замкнуто *нареч.* мардумгурезона, канораҷуёна; **держаться ~** канораҷуӣ (гушагирӣ) кардан

замкнутость *ж* 1. мардумгурезӣ, гӯшагузинӣ, гушагирӣ, канораҷуӣ 2. сарбаста будан(и)

за́мкнут||ый, -ая, -ое (за́мкнут, -а, -о) 1. *прич.* қуфл (маҳкам) кардашуда, ба ҳам пайваста 2. *прил.* хилватгузин(она); **~ый образ жизни** зисту зиндагии хилватгузинона 3. *прил.* мардумгурез, канораҷуӣ; **~ый человек** мардумгурез 4. *прил. тк. полн. ф.* сарбаста; **~ая кривая** каҷхатти сарбаста 5. *прил. тк. полн. ф.* баста; **~ый бассейн** ҳавзаи баста

замкнуть *сов.* 1. *кого-что уст. и прост.* бастан, қуфл (маҳкам) кардан; **~ двери** дарро қуфл кардан 2. *что* пайвастан, васл кардан; **~ электрическую цепь** ҷараёни электрро пайвастан; **~ кольцо окружения** пурра муҳосира гирифтан 3. *что* иҳота карда (печонда) кардан, фаро гирифтан; **озеро замкнуто горами** кулро кӯҳҳо фаро гирифтаанд

замкну́||ться *сов.* 1. *прост.* қуфл шудан; баста шудан; **дверь ~лась с трудом** дар ба зӯр қуфл шуд 2. пайвастан, васл шудан; **кольцо окружения ~лось** пурра муҳосира шуд 3. ҷудо шуда мондан, маҳдуд шуда мондан; **~ться в своём узком кругу** дар доираи танги худ маҳдуд шуда мондан; **~ться в [само́м] себе** мардумгурез (хилватгузин) шудан, канораҷуӣ кардан

за́мков||ый, -ая, -ое ...и қалъа; ...и кушк; **~ые строения** биноҳои қалъа

замко́вый, -ая, -ое ...и қуфл

замле́||ть *сов. прост.* карахт (шах) шудан, беҳис шудан; **у меня ~ла нога** поям хоб рафт

замогильный, -ая, -ое *уст. (загробный)* ...и охират, ...и он дунъё ◇ **~ голос** овози пасти мудҳиш

за́мок *м* 1. қалъа; кушк; **средневековый ~** кушки асримиёнагӣ 2. *уст. (тюрьма)* ҳабсхона, зиндон ◇ **строить воздушные замки** бар об нақша кашидан, хаёли ботил парваридан

замо́к *м* 1. қуфл, қулф; **дверной ~** қуфли дар; **запере́ть на ~** дарро қуфл кардан 2. *(оружия)* қуфл, қулф; **пулемётный ~** қуфли пулемёт 3. *тех.* қулфу калид *(тарзи пайвастани конструкцияҳои чӯбин)* 4. *архит.* тоқфона, санги миёни тоқ ◇ **быть на замке (под замко́м)** маҳкам (қуфл) будан; **держать под замко́м** маҳкам (қуфл) карда мондан; **за (под) семью (десятью) замками** дар паси ҳафт парда; **нон дар нондон — калидаш дар осмон; закрыть (запере́ть) душу на ~** дарундор (дамдузд) шудан; **на (за) ~ посадить (заключить)** *уст.* ҳабс кардан

замокание *с (по знач. гл.* **замокнуть)** таршавӣ, намшавӣ; намкашӣ; **~ бочки** намкашии бочка

замока́ть *несов. см.* **замо́кнуть**

замо́к||нуть *сов.* 1. *прост.* тар (нам) шудан 2. нам кашида варам кардан, дам кардан; **бочка ~ла** бочка нам кашида варам кард

замо́лвить *сов. разг.:* **~ словечко (слово) за кого-л., о ком-л.** барои касе илтимос кардан, сухане ба тарафдории касе гуфтан

замолить *сов. что уст.* омурзиш хостан; **~ свои грехи** афви гуноҳ хостан, омурзиш хостан

замолка́ть *несов. см.* **замо́лкнуть**

замо́лкнуть *сов.* хомуш (сокит) шудан

замолоть *сов.* ба ордкашӣ сар кардан

замолча́||ть I *сов.* 1. хомуш (сокит) шудан; **рассказчик ~л на минуту** ҳикояткунанда (нақил) як дам хомуш шуд; **~ть на полуслове** суханро нимгурма кардан, гапро дар миёнааш қатъ кардан 2. ором, сокит (хап) шудан; **неприятельская батарея ~ла** батареяи душман сокит (хап) шуд 3. *разг.* дигар хат накардан, хатнависиро бас (қатъ) кардан, ҷим шуда рафтан; **то писал часто, а потом вдруг ~л** аввалҳо зуд-зуд навишта меистод, баъд якбора хатнависиро бас кард

замолча́ть II *сов. что разг.* қасдан хомуш мондан, аҳамият надодан; пинҳон доштан, рупуш кардан; **~ инцидент** ҷанҷолро рупуш кардан

замо́р *м рыб.* моҳимурӣ, муромурии моҳӣ *(аз сабаби камии кислород ё пайдошавии моддаи заҳрнок дар об)*

замораживание *с (по знач. гл.* **заморо́зить** 1, 3) яхкунонӣ, яхбандонӣ; хобондан(и), нигоҳ доштан(и); **~ я́дерных вооружений** дар як савия нигоҳ доштани аслиҳаи ядроӣ; **~ заработной платы** як зайл (бе тағйир) монондани моҳона

замора́живать *несов. см.* **заморо́зить**

замора́живаться *несов. страд.* ях кунонда (ях бандонда) шудан

заморгать *сов.* миҷазанӣ кардан

замордовать *сов. кого прост.* азоб додан, ҷафо кардан

заморённый, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* беҳол кардашуда 2. *прил.* миҷморук, чуррук

замори́ть *сов. кого разг.* аз гуруснагӣ куштан; азоб (азият) додан, беҳол (бемадор) кардан ◇ **~ червячка (червяка)** шушбанд кардан

замори́ться *сов. прост.* монда (хаста, беҳол) шудан

заморо́женн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ях кунондашуда, ях бандондашуда 2. *прил.* яхкарда, яхбаста; **~ые фрукты** меваҳои яхкарда; **~ые стёкла** шишаҳои яхбаста

заморозить *сов.* 1. *кого-что* ях кунондан, ях бандондан; **~ рыбу** моҳиро ях бандондан; **~ фрукты** меваро ях кунондан 2. *что разг.* бисьёр хунук кардан; **~ бутылку шампанского** шишаи шампанро бисьёр хунук кардан 3. *что перен.* беҳаракат монондан, хобонда мондан, боздоштан, нигоҳ доштан; **~ проект** лоиҳаро хобонда мондан; **~ средства** маблағҳоро боздошта мондан 4. *что разг. (обезболить)* карахт (беҳис) кардан

заморозки *мн. (ед.* **заморозок** *м)* сармои бармаҳал (бемаҳал); **осенние ~** сармои бармаҳали тирамоҳ

заморосить *сов.* ба сим-сим (нармак-нармак) боридан сар кардан, намреза боридан гирифтан

заморо́чить *сов. кого-что прост.* гаранг (овора, гиҷ) кардан; **~ голову кому-л.** сари касеро гаранг кардан

замо́рск||ий, -ая, -ое *уст.* и *фольк.* аҷнабӣ; **~ие товары** молҳои аҷнабӣ; **~ие страны** кишварҳои дур

замо́рыш *м разг.* миҷморуқ, харобу адо, чуррук, мурданӣ

замости́ть *сов. что* фарш кардан, сангфарш кардан; **~ доро́гу** роҳро сангфарш кардан

замота́ть I *сов.* 1. *что разг.* печондан, печонда бастан; **~ вожжи вокру́г столба** ҷилавро ба сутун печонда бастан 2. *что чем разг.* печондан, бастан; **~ палец бинтом** ангуштро докапеч кардан 3. *кого перен. прост. (измучить)* монда (шалпар, хаста) кардан 4. *что перен. прост. (присвоить)* аз они худ кардан, соҳибӣ кардан

замота́ть II *сов. разг. (начать мотать)* ба ҷунбондан (такондан) сар кардан; **~ головой** ба сарҷунбонӣ даромадан

замота́ться *сов.* 1. *разг. (вокруг чего-л.)* печидан 2. *разг.* худро печондан; **~ в плато́к** худро ба руймол печондан 3. *перен. прост.* монда (шалпар, хаста) шудан, аз по афтодан

замочек *м уменьш. к* **замок**

замочи́||ть *сов.* 1. *кого-что* тар кардан; **нас ~л дождь** борон моро тар кард 2. *что* тар карда мондан; **~ть семена** тухмиро тар карда мондан; **~ть бельё** ҷомашуиро тар кардан

замочиться *сов.* тар шудан

замо́чка *ж (по знач. гл.* **замочи́ть** 2) тар карда мондан(и)

замо́чн||ый, -ая, -ое ...и қуфл; **~ая скважина** сурохи қуфл

зампре́д *м* (**заместитель председателя**) ҷонишини раис

за́муж *нареч.:* **выдать (отда́ть) ~** *за кого* ба шавҳар додан, хонадор кардан; **вы́йти (пойти́) ~** *за кого* шавҳар (шу) кардан, ба шавҳар баромадан; **выскочить ~** саросемавор шавҳар кардан; **брать (взять) ~** *уст. и прост.* ба занӣ гирифтан

за́мужем *нареч.* шавҳардор, шудор; **быть ~** шавҳардор будан

заму́жество *с* шавҳардорӣ, шудорӣ

заму́жн||ий, -яя, -ее 1. ...и шавҳардорӣ, шудорӣ; **~ие годы** солҳои шавҳардорӣ 2. шавҳардор, шӯдор; **~яя женщина** зани шавҳардор

замурлыкать *сов.* ба хур-хур даромадан

замуровать *сов.* 1. *что* хиштбанд кардан; **~ окно́** ҷои тирезаро хиштбанд кардан 2. *кого-что* ба даруни девор маҳкам кардан; **~ драгоце́нности в стене** чизҳои қиматбаҳоро ба даруни девор маҳкам кардан

замурова́ться *сов. уст. разг. (замк-*

нуться, уединиться) хонанишин (узлатнишин, гушагузин) шудан

замуровывание *с* (*по знач. гл.* замуровать) хиштбанд кардан(и); ба даруни девор маҳкам кардан(и)

замуровывать *несов. см.* замуровать

замуровываться *сов.* 1. *см.* замуроваться; 2. *страд.* ба даруни девор маҳкам карда шудан

замусливать(ся) *несов. см.* замусоливать(ся)

замуслить(ся) *сов. см.* замусолить(ся)

замусоливать *несов. см.* замусолить

замусоливаться *несов.* 1. *см.* замусолиться; 2. *страд.* чиркин (доғдор, касиф) карда шудан

замусолить *сов. кого-что разг.* чиркин (доғдор, касиф) кардан, олондан; **~ книгу** китобро чиркин кардан

замусолиться *сов. разг.* чиркин (доғдор, касиф) шудан, олудан

замусоривание *с* (*по знач. гл.* замусорить) касиф (ифлос) кардан(и); (*по знач. гл.* замусориться) касиф (ифлос) шудан(и)

замусоривать *несов. см.* замусорить

замусориваться *несов.* 1. *см.* замусориться; 2. *страд.* касиф (ифлос) карда шудан

замусорить *сов. что* касиф (ифлос) кардан; **~ помещение** хонаро ифлос кардан

замусориться *сов.* касиф (ифлос) шудан

замути||ть I *сов.* 1. *что* тира (хира) кардан; лойолуд кардан; **~ть воду** обро лой кардан 2. *кого-что уст. и прост.* (*посеять смуту*) фитна андохтан, ошуб ангехтан, шурондан ◇ **воды (водой) не ~т** у мурчаро ҳам озор намедиҳад

замути||ть II *сов. безл. кого разг.* (*начать мутить*) дил беҷо шудан гирифтан; **его ~ло** дилаш беҷо шудан гирифт

замути||ться *сов.* 1. тира (хира) шудан; лой (гилолуд, лойолуд) шудан 2. *уст.* (*поднять мятеж*) ошуфтан, шуридан ◇ **в глазах ~лось** *у кого* пеши чашмаш сиёҳӣ зад

замутнение *с* (*по знач. гл.* замутнеть) тирашавӣ, хирашавӣ; лойолудшавӣ

замутнеть *сов.* тира (хира) шудан; лойолуд шудан

замухрышка *м, ж прост.* миҷморук, харобу адо, чуррук, ношудак

замучивать *несов. см.* замучить

замучи||ть *сов. кого-что* 1. азоб дода куштан; **~ть побоями** зада-зада куштан 2. *перен.* азоб додан, ба ҷон расондан; **меня ~ла головная боль** дарди сар маро ба ҷон расонд 3. *перен.* безор кардан; **~ть жалобами** шикоятборон карда ба ҷон расондан

замучиться *сов.* сахт монда (беҳол, шалпар) шудан, азият кашидан, азоб дидан

замша *ж* замша, чир (*чарми нарми бахмалмонанд аз пусти гавазн, гӯсфанд, буз ва ғ.*)

замшев||ый, -ая, -ое ...и замша, ...и чир; **~ые перчатки** дастпушаки замша

замшелый, -ая, -ое мағорбаста, карракарда

замшеть *сов.* мағор бастан, карра кардан

замывание *с см.* замывка

замывать *несов. см.* замыть

замываться *несов. страд.* шуста равонда шудан

замывка *ж* (*по знач. гл.* замыть) шуста равондан(и)

замызганный, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* чиркин (касиф) кардашуда; титупит кардашуда 2. *прил.* олуда, чиркин, касиф, ифлос; титупит

замызгать *сов. что разг.* чиркин (олуда, касиф, ифлос) кардан; титупит кардан

замызгаться *сов. разг.* чиркин (олуда, касиф, ифлос) шудан; титупит шудан

замызгивать *несов. см.* замызгать

замызгиваться *несов.* 1. *см.* замызгаться; 2. *страд.* чиркин карда шудан; титупит карда шудан

замыкание *с* (*по знач. гл.* замкнуть 2) пайвастан(и), васл кардан(и) ◇ **короткое ~** *эл.* расишн кутох

замыкать *несов.* 1. *см.* замкнуть; 2. *что* дар охири саф (рад) будан

замыкаться *несов.* 1. *см.* замкнуться; 2. *страд.* баста шудан, пайваст карда шудан

замыкающий, -ая, -ее 1. *прич.* маҳкамкунанда; пайвасткунанда 2. *в знач. сущ.* **замыкающий** *м воен.* охири саф (рад)

замысел *м* 1. (*намерение*) ният, мақсад, хаёл, қасд 2. (*идея произведения*) ғоя, фикри асосӣ, матлаб; **~ пьесы** ғояи пьеса

замыслить *сов. что* ният (қасд) кардан, андешидан

замысловато *нареч.* печ дар печ, душворфаҳм, мураккаб

замысловатость *ж* печдарпечӣ, душворфаҳмӣ, мураккабӣ

замысловат||ый, -ая, -ое (замысловат, -а, -о) печ дар печ, душворфаҳм, мураккаб; **~ый узор** нақшу нигори мураккаб; **~ая речь** нутқи душворфаҳм, сухани печ дар печ

замы||ть *сов. что* 1. шуста равондан, шуста нест кардан; **~ть пятно** доғро шуста равондан 2. шуста бурдан; **дождь ~л следы** борон изҳоро шуста бурд

замычать *сов.* ба маосзанӣ даромадан

замышлять *несов. см.* замыслить

замышляться *несов. страд.* ният (қасд) карда шудан, андешида шудан

замямлить *сов. прост.* ба хоида-хоида гап задан сар кардан

замять *сов. что разг.* 1. зер (пахш) кардан, ғиҷим кардан; **~ окурок** пасмондаи папиросро пахш кардан 2. *перен.* хобондан, зер кардан, боздоштан; **~ дело** корро рупуш кардан; **~ скандал** ҷанҷолро хобондан

замяться *сов. разг.* 1. (*смутиться*) хиҷолат (изо) кашидан, хаё (шарм) кардан 2. (*в разговоре*) сухан гум кардан, гап наёфтан, риштаи суханро гум кардан, дасту по хурдан

замяукать *сов.* ба мияв-мияв даромадан

занаваживать *несов. см.* занавозить

занаваживаться *несов. страд.* пору (нурӣ) андохта шудан; поруолуд (нуриолуд) карда шудан

занавес *м* парда, ҳиҷоб; **поднять ~** пардаро кушодан; **дать (опустить) ~** пардаро фуровардан (пӯшидан, кашидан) ◇ **под ~** дар хотима

занавесить *сов. кого-что* парда кашидан (пушидан, задан), парда овехтан; **~ окна шторами** ба тирезаҳо парда овехтан

занавеситься *сов. разг.* пасипарда шудан, пардапӯш шудан

занавеск||а *ж* парда, пардача; **оконные ~и** пардачаҳои тиреза

занавесочн||ый, -ая, -ое ...и парда, пардабоб, пардаворӣ; **~ая ткань** матои пардабоб

занавесь *ж* парда

занавешивание *с* (*по знач. гл.* занавесить) пардакашӣ, пардаовезӣ

занавешивать *несов. см.* занавесить

занавешиваться *несов.* 1. *см.* занавеситься; 2. *страд.* парда кашида (зада) шудан, парда овехта шудан

занавозить *сов. что* 1. *с.-х.* пору (нурӣ) андохтан 2. *прост.* поруолуд (нуриолуд) кардан

занаркотизировать *сов. кого* наркоз додан

занашивать *несов. см.* заносить II

занашиваться *несов.* 1. *см.* заноситься II; 2. *страд.* куҳна карда шудан

заневеститься *сов. прост.* ба қад расидан, қадрас шудан

занедужить *сов. обл.* бетоб (нотоб, нохуш, бемор) шуда мондан

занедужиться *сов. см.* занедужить

занеме||ть *сов.* 1. *разг.* карахт (шах) шудан; **руки ~ли** дастҳо карахт шуданд 2. *прост.* (*замолчать*) ҷим (дам) шуда мондан, сокит гаштан

занемочь *сов.* касал (бемор) шудан

занервничать *сов. разг.* асабонӣ шудан

занесение *с* (*по знач. гл.* занести 2—4) даровардан(и); қайд кардан(и); **~ в список** ба руйхат даровардан(и)

занес||ти *сов.* 1. *кого-что* овардан, бурдан, оварда (бурда) додан; **товарищ занёс мне новую книгу** рафиқам ба ман китоби наве оварда дод // *разг.* андохтан; **судьба ~ла его в дальние края** гардиши фалак уро ба кишварҳои дур андохтааст; **как тебя ~ло сюда?** *безл.* чӣ хел ба инҷо афтода мондӣ? 2. *кого-что прост. и обл.* даровардан; **~ти вещи в комнату** чизҳоро ба хона даровардан 3. *кого-что* қайд (дарҷ) кардан, дохил кардан, даровардан; **~ти в протокол** ба қарор дохил кардан; **~ти в список** ба руйхат даровардан 4. *что* бардоштан; **~ти руку для удара** задани шуда даст бардоштан 5. *безл. кого-что* кач шудан;

аз роҳ баровардан; **сани ~ло в другую сторону** чана ба тарафи дигар каҷ шуд 6. *чаще безл. кого-что* (пахш) кардан, фаро гирифтан, пушондан; **дорогу ~ло снегом** роҳро барф зер кард ◇ **какой ветер занёс?, каким ветром ~ло?** *кого* кадом шамол овард (парронд)?

занестись I *сов.* 1. *уст.* *(далеко опередить других)* хеле пеш гузашта рафтан 2. *разг.* *(размечтаться)* ба хаёли хом [фуру] рафтан 3. *разг.* *(загордиться)* ҳавобаланд (мағрур) шудан

занестись II *сов.* *(начать нестись)* ба тухм даромадан

занижать *несов. см.* **занизить**

занижаться *несов. страд.* паст (кам) карда шудан

занижение *с* (*по знач. гл.* **занизить**) паст (кам) кардан(и); ~ **норм** кам кардани меъёрҳо (нормаҳо)

заниженн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* паст (кам) кардашуда 2. *прил.* паст, кам; ~**ые требования** талаботи паст

занизить *сов. что* аз будаш паст (кам) кардан; ~ **норму** меъёрро аз будаш кам кардан; ~ **оценку** баҳоро аз будаш паст кардан

занимание I *с* (*по знач. гл.* **занять** I) қарзгирӣ, қарзбардорӣ; ~ **денег** қарз гирифтани пул

занимание II *с* (*по знач. гл.* **занять** II) ишғол (тасарруф) кардан(и), гирифтан(и); машғул доштан(и)

занимательно *нареч.* шавқангез(она), ҳавасангез(она)

занимательность *ж* шавқангезӣ, ҳавасангезӣ

занимательн||ый, -ая, -ое (занимате|лен, -льна, -льно) шавқангез, ҳавасангез, ҷолиб; ~**ая книга** китоби шавқангез

занимать I *несов. см.* **занять** I ◇ **не ~ стать** *чего прост.* фаровон, мул, сероб

занима||ть II *несов. см.* **занять** II; **дух ~ет** *у кого* нафас мегардад

заниматься I *несов. страд.* қарз гирифта шудан, қарз карда шудан

занима||ться II *несов.* 1. *см.* **заняться** I; 2. *(учиться)* [дарс] хондан, таҳсил кардан; **он ~ется в университете** у дар университет мехонад; **не мешай мне ~ться!** ба дарс хондани ман халал нарасон! 3. *страд.* ҷой гирифта шудан; ишғол карда шудан; банд карда шудан ◇ **дух ~ется** *в ком, у кого* нафас мегардад

заниматься III *несов. см.* **заняться** II

заново *нареч.* аз нав, аз сари нав; ба тарзи нав, ба тариқи нав; ~ **написать** ба тарзи нав навиштан

заноз||а *ж* 1. хор, зиреба; **вытащить ~у из пальца** хорро аз ангушт баровардан 2. *перен. разг.* ҷанҷолӣ; одами хурдагир; одами теззабон (талхзабон)

занозисто *нареч. разг.* хурдагирона; бо теззабонӣ, бо талхзабонӣ

занозистый, -ая, -ое (занозист, -а, -о) *разг.* 1. дағар-буғур; ~ **пол** тахтафарши дағар-буғур 2. *перен.* хурдагир; теззабон, талхзабон

занози||ть *сов. что* хор халондан; **он ~л палец** ба ангушташ хор халидааст

занос *м* 1. (*по знач. гл.* **занести** 4—6) бардоштан(и); аз роҳ баромадан(и); пушондан(и) 2. барфтуда; регтуда; **снежные ~ы** барфтудаҳо; **песчаный ~** регтуда

заносить I *несов. см.* **занести**

заносить II *сов. что* кӯҳна кардан; [пушида] чиркин кардан; ~ **бельё** либоси тагро пӯшида чиркин кардан

заноситься I *несов.* 1. *см.* **занестись** I; 2. *страд.* оварда дода шудан; қайд карда шудан

заноси||ться II *сов.* кӯҳна шудан; чиркин (ифлос) шудан; **бельё ~лось** либоси таг чиркин шуд

заносн||ый, -ая, -ое овардашуда; ~**ая болезнь** бемории ворида (беруна)

заносчиво *нареч.* ҳавобаландона, мағрурона, мутакаббирона; ~ **вести себя** ҳавобаландӣ кардан

заносчивость *ж* ҳавобаландӣ, мағрурӣ, мутакаббирӣ

заносчивый, -ая, -ое (заносчив, -а, -о) ҳавобаланд, мағрур(она), мутакаббир(она); ~ **ответ** ҷавоби мағрурона; ~ **вид** қиёфаи мутакаббирона

заночевать *сов.* шабро гузарондан, ба шаб мондан, шаб хобидан

заночёвывать *несов. см.* **заночевать**

заношенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кӯҳна кардашуда; [пушида] чиркин кардашуда 2. *прил.* кӯҳна; чиркин; ~**ое платье** либоси кӯҳна

зануда *м, ж разг. презр.* миҷҷинг, одами дилбазан

зануздать *сов. кого* лаҷом (ҷилав) задан; ~ **лошадь** аспро лаҷом задан

зануздывать *несов. см.* **зануздать**

занумеровать *сов. что* рақам гузоштан

занумеровывать *несов. см.* **занумеровать**

занумеровываться *несов. страд.* рақам гузошта шудан

заны||ть *сов. разг.* 1. сим-сим ба дард даромадан, ба сузиш даромадан; **раненая рука ~ла** дасти маҷруҳ ба сузиш даромад 2. *(о человеке)* оҳу нола сар кардан, ба нолиш даромадан

заняти||е *с* 1. (*по знач. гл.* **занять** II 1—3) ишғол кардан(и), гирифтан(и), тасарруф кардан(и); ~**е должности** ишғол кардани вазифа; ~**е города войсками** аз тарафи қушунҳо тасарруф карда шудани шаҳр 2. шуғл, кор, касб, машғулият; **род ~й** машғулият; **чтение — моё любимое ~е** мутолиа машғулияти дӯстдоштаи ман аст 3. *мн.* **занятия** таҳсил, дарсхонӣ; **часы ~й** вақти дарс; вақти кор

занятно *нареч. разг.* ҳавасангез(она), шавқовар(она), ғалатӣ, аҷиб; ~ **рассказывать** ба таври шавқангез ҳикоя кардан

занятность *ж разг.* ҳавасовар (шавқовар) будан(и), шавқоварӣ

занятный, -ая, -ое (занят|ен, -на, -но) *разг.* ҳавасангез, шавқовар, ғалатӣ, аҷиб, аҷоиб

занятой, -ая, -ое серкор, пуркор, банд; ~ **человек** одами серкор

занятость *ж* 1. серкорӣ, пуркорӣ, [ба кор] банд будан(и) 2. аз кор таъмин будан(и); ~ **рабочих** аз кор таъмин будани коргарон

занят||ый, -ая, -ое (занят, -а, -о) 1. *прич.* ишғол кардашуда, тасарруф кардашуда, гирифташуда 2. *прил. тк. кр. ф.* банд, машғули кор; **он занят целый день** у тамоми руз банд аст; **на предприятии ~о пятьсот рабочих** дар муассиса панҷсад коргар кор мекунад

занять I *сов. что, чего* қарз гирифтан, қарз бардоштан; **он занял у меня сто рублей** вай аз ман сад сум қарз гирифт

занять II *сов.* 1. *что* ишғол кардан, гирифтан, банд кардан; **всю стену занял большой шкаф** ҷевони калон пеши деворро тамом банд кард 2. *что* ишғол кардан; ~ **место секретаря** ҷои котиброишғол кардан 3. *что* ишғол кардан, тасарруф кардан, гирифтан; **войска заняли город** қушун шаҳрро ишғол кард 4. *кого-что* машғул кардан; ~ **сотрудников срочной работой** коркунонро бо кори таъҷилӣ машғул кардан 5. *кого-что* ҷалб кардан, ба шавқ овардан; ~ **чьё-л. внимание** диққати касеро ҷалб кардан 6. *кого-что* андармон кардан, машғул доштан; ~ **гостей разговором** меҳмононро бо сӯҳбат машғул доштан; ~ **ребёнка игрой** бачаро ба бозӣ андармон кардан ◇ ~ **оборону** ба мудофиа тайёр шудан; **дух заняло** *у кого* нафас гашт

заняться I *сов.* 1. *чем* машғул шудан; ~ **делом** ба кор машғул шудан 2. *кем-чем* диққат кардан, аҳамият додан; ~ **собой** ба худ нигоҳ кардан 3. *с кем-чем разг.* кумак кардан *(дар дарсхонӣ)*; ~ **с отстающими учениками** ба тал баҳон ақибмонда кумак кардан ◇ **дух занялся** *у кого* нафас гашт

заня||ться II *сов.* 1. афрухтан, даргирифтан; **огонь ~лся** оташ даргирифт 2. *(о заре и т. д.)* дамидан, сар шудан; ~**лось утро** субҳ дамид

заоблачн||ый, -ая, -ое 1. ...и авҷи фалак, сар ба фалак кашида; ~**ые вершины гор** қуллаҳои сар ба фалак кашидаи кӯҳҳо 2. *перен.* хом, пуч; ~**ые мечты** хаёлҳои хом

заодно *нареч.* 1. якҷоя, бо ҳам; **действовать с кем-л.** ~ бо касе якҷоя амал кардан // *в знач. сказ.* якдил, ҳамраъй, ҳамфикр; **мы с ним** ~ мо бо вай ҳамфикрем 2. *разг.* дар айни ҳол, зимнан, дар зимни, ...ҳам; **будете в городе,** ~ **справьтесь о нём** ба шаҳр равед, аз аҳволи он кас ҳам хабар гиред

заозёрный, -ая, -ое ...и пушти кул, ...и он суи кул; ~ **край** кишвари он сӯи кӯл

заокеанск||ий, -ая, -ое онсуиуқьёнусӣ, ...и он сӯи уқьёнус; ~**ие страны** мамлакатҳои он сӯи уқьёнус

заора́ть *сов. прост.* ба аррос даромадан

заостре́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **заостри́ть**) тез (бурро) кардан(и), нугтез кардан(и); ҷалб намудан(и) 2. нуги тез; **палка с ~м на конце́** *таёқи (чуби) нугтез*

заострённость *ж* тезӣ, бурроӣ, нугтез будан(и)

заострённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* нугтез кардашуда 2. *прил.* тез, бурро, нугтез; **~ые верши́ны гор** қуллаҳои нӯгтези кӯҳҳо 3. *прил.* (*о чертах лица*) теғадор; **~ый нос** бинии теғадор

заостри́ть *сов. что* 1. тез кардан, нугтез кардан; **~ па́лку** нуги чубро тез кардан; **~ нож** кордро тез кардан 2. *перен.* қатъӣ гузоштан, кундаланг мондан, ҷалб кардан; **~ вопро́с** масъаларо қатъӣ гузоштан; **~ внима́ние** диққатро ҷалб кардан

заостри́||ться *сов.* 1. тез шудан, нугтез шудан 2. (*о чертах лица*) теғадор шудан; **у него́ ~лся нос** биниаш теғадор шуд 3. *перен.* қатъият пайдо кардан; қатъитар (ҷиддитар) шудан; **вопро́с ~лся** масъала ҷиддитар шуд; **внима́ние ~лось** диққат бештар ҷалб карда шуд

заостря́ть *несов. см.* **заостри́ть**

заостря́ться *несов.* 1. *см.* **заостри́ться**; 2. *страд.* нугтез карда шудан; қатъитар карда шудан

зао́хать *сов. разг.* ба оҳу вох сар кардан, ба нолиш даромадан

зао́чник *м* ғоибхон

зао́чница *женск. к* **заочник**

зао́чно *нареч.* ғоибона; **обуча́ться ~** ғоибона таҳсил кардан

зао́чн||ый, -ая, -ое ғоибона, ғайбӣ; **~ое знако́мство** шиносоии ғоибона; **~ое обуче́ние** омузиши (таҳсили) ғоибона

запа́вш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* афтода, афтодамонда 2. *прил.* коҳида, чукида; **~ие щёки** руи коҳида

за́пад *м* 1. ғарб, мағриб, бохтар; **е́хать на ~** ба ғарб рафтан; **о́кна, обращённые на ~** тирезаҳои ру ба ғарб; **держа́ть курс на ~** ба самти ғарб рафтан 2. (3 *прописное*) Ғарб; **иску́сство За́пада** санъати Ғарб (*Европаи Ғарбӣ ва ШМА*)

запада́ть *несов. см.* **запа́сть**

запа́дина *ж обл.* (*впадина*) [ҷои] чуқида (фуруррафта)

за́падник *м ист.* ғарбпараст

за́паднический, -ая, -ое *ист.* ...и ғарбпарастӣ

за́падничество *с ист.* ғарбпарастӣ (*равияи иҷтимоии давраи крепостнойи Россия, ки бо роҳи инкишофи Европаи Ғарбӣ рафтани Россияро тарафдорӣ мекард*)

за́падн||ый, -ая, -ое 1. ғарбӣ, ...и ғарб; ...и мағриб; **~ая грани́ца** сарҳади ғарбӣ; **~ый ве́тер** шамоли мағриб; **~ая долгота́** тули ғарбӣ; **~ое полуша́рие** нимкураи ғарбӣ 2. ғарбӣ, ...и Ғарб; **~ая литерату́ра** адабиёти Ғарб; **страны За́падной Евро́пы** мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ

западн||я́ *ж* 1. (*ловушка, силок*) дом; **поста́вить ~ю** дом гузоштан 2. *перен.* (*ловкий манёвр*) камин, каминговҳ; **замани́ть проти́вника в ~ю** душманро фирефта ба камин кашидан 3. *обл.* (*погреб*) заминкан, таҳхона; (*крышка погреба*) *дари таҳхона*

запа́здывание *с* (*по знач. гл.* **запозда́ть**) дер мондан(и), таъхир, дер омадан(и); **~ по́езда** дер мондани поезд

запа́здывать *несов. см.* **запозда́ть**

запа́ивание *с* (*по знач. гл.* **запая́ть**) кафшер кардан(и)

запа́ивать I *несов. см.* **запая́ть**

запа́ивать II *несов. см.* **запои́ть**

запа́иваться *несов. страд.* кафшер карда шудан

запа́йка *ж см.* **запа́ивание**

запакова́ть *сов. что* борбандӣ кардан, печонда бастан, бастан; **~ ве́щи** *чизҳоро бастан*

запакова́||ться *сов.* печонда шудан, баста шудан; **ве́щи хорошо́ ~лись** чизҳо нағз баста шуданд

запако́вка *ж* (*по знач. гл.* **запакова́ть**) борбандӣ, бастан(и)

запако́вывание *с см.* **запако́вка**

запако́вывать *несов. см.* **запакова́ть**

запако́вываться *несов.* 1. *см.* **запакова́ться**; 2. *страд.* баста шудан

запакости́ть *сов. что прост.* ифлос (олуда, мурдор) кардан

запако́ститься *сов. прост.* ифлос (олуда, ҳаром, мурдор) шудан

запа́л I *м* 1. оташгирон (*асбоби оташдиҳии моддаи тарканда*) 2. *перен. разг.* ғайрат, шавқ, шавқу завқ

запа́л II *м вет.* катав, шердам (*як хел касалии шуши ҳайвонҳо, бештар аспҳо*); **ло́шадь с ~ом** аспи катав

запа́л III *м с.-х.* снёҳак (*иллати ғалладона*)

запалённ||ый, -ая, -ое *прич. прил.* гармогарм об додашуда; тозонда кардашуда; **~ая ло́шадь** аспи тозонда кардашуда

запа́ливать I, II *несов. см.* **запали́ть** I, II

запа́ливаться I *несов.* 1. *см.* **запали́ться** I; 2. *страд.* даргиронда шудан, оташ дода шудан

запа́ливаться II *несов. страд.* гармогарм об дода шудан; тозонда аз кор баровварда шудан

запали́ть I *сов. что прост.* (*зажечь*) даргирондан, оташ додан, олав гирондан, алов мондан; **~ печь** ба печка олав (алов) мондан

запали́ть II *сов. кого* 1. (*напоить разгорячённую лошадь*) гармогарм об додан 2. *прост.* (*загнать лошадь*) тозонда аз кор баровардан

запали́ть III *сов. прост.* (*начать стрелять*) ба туппарронӣ сар кардан

запали́ться I *сов. прост.* (*зажечься*) даргирифтан, оташ (олав, алов) гирифтан

запали́ться II *сов.* (*о лошади*) 1. катав шудан 2. бисьёр тохта аз кор баромадан

запа́льник *м* оташгирон (*асбоби оташдиҳии моддаҳои тарканда*)

запа́льный, -ая, -ое ...и оташгирон; **~ шнур** пилтаи оташгирон

запа́льчиво *нареч.* оташинона, тунду тез, бо оташмизоҷӣ

запа́льчивост||ь *ж* оташинӣ, тезӣ, тундмизоҷӣ; **в ~и** дар оташинӣ оташин шуда; **с ~ью** тунду тез, бо тундию тезӣ

запа́льчивый -ая, -ое (запальчив, -а, -о) оташин(она), оташмизоҷ, тундмизоҷ; **~ отве́т** ҷавоби оташинона; **~ челове́к** одами тундмизоҷ

запамятова́ть *сов. что уст. и прост.* фаромуш кардан, аз ёд баровардан

запани́брата *нареч. разг.* бетакаллуф(она)

запанибра́тский, -ая, -ое *разг.* бетакаллуфона; **~ тон** оҳанги бетакаллуфона

запанибра́тство *с уст. разг.* бетакаллуфӣ, муомилаи бетакаллуфона

запа́нь *ж лес.* банд (*банди аз ғулачубҳо сохташуда дар дарьё*)

запа́ривание *с* (*по знач. гл.* **запа́рить** 1, 2) буғдиҳӣ, бухордиҳӣ; мулоим кардан(и)

запа́ривать *несов. см.* **запа́рить**

запа́риваться *несов.* 1. **запа́риться**; 2. *страд.* бо оби ҷуш (бо буғ) мулоим карда шудан

запа́рить *сов.* 1. *что* оби ҷуш рехта мулоим кардан; **~ бо́чку** ба бочка оби ҷуш рехтан 2. *что* (*распарить*) буғ додан; **~ корм** тарит кардан // *тех.* буғ додан, бухор додан 3. *кого прост.* (*в бане*) буғ дода аз ҳол раводан 4. *кого прост.* давонда аракшор кардан; шалпар кардан; **~ лошаде́й** аспҳоро шалпар кардан

запа́ри||ться *сов.* 1. *разг.* аз оби ҷуш мулоим шудан; аз оби ҷуш (аз буғ) варамидан; **бо́чка ~лась** бочка аз оби ҷуш варамид // (*распариться*) варамидан, варам кардан; **зерно́ ~лось** ғалладона варам кард 2. *прост.* (*в бане*) дар буғи ҳаммом беҳол (лакот) шудан 3. *прост.* (*утомиться*) бисьёр монда (хаста) шудан

запа́рк||а *ж* 1. *см.* **запа́ривание**; 2. *прост.* чизи буғхурда, тарит; **пригото́вить ~у для скота́** ба мол тарит тайёр кардан 3. *тех.* (*котёл*) деги буғдиҳӣ

запа́рник *м с.-х.* деги буғдиҳӣ

запарн||о́й, -ая, -о́е (*для запарки*) ...и буғдиҳӣ, ...и бухордиҳӣ; **~ой котёл** деги буғдиҳӣ // (*подвергшийся запарке*) буғ додашуда, буғхурда; **~ые кра́ски** рангубори буғхурда (буғдодашуда)

запа́рочн||ый, -ая, -ое ...и буғдиҳӣ; **~ая ка́мера** камераи буғдиҳӣ

запа́рхивать *несов. см.* **запорхну́ть**

запарши́веть *сов. прост.* кали шуққа шудан, гаргин (қутур) шудан

запа́рывать I, II *несов. см.* **запоро́ть** I, II

запа́с *м* 1. захира, пасандоз; **~ това́ров** захираи мол; **продово́льственные ~ы** захираҳои озуқа; **неприкоснове́нный ~** захираи дахлнопазир; **зо-**

лотой ~ эк. захираи тилло; активный ~ слов лингв. захираи калимаҳои серистеъмол 2. перен. захира, доира, ҳаҷм; ~ знаний донраи дониш // мн. запасы (полезных ископаемых) захира(ҳо); ~ы полезной руды захираи кандаииҳои фоиданок; ~ы нефти захираи нафт 3. портн. разг. зиёдатии чок; выпустить ~ зиёдатии чокро кушодан; шить с ~ом либосро васеъ (дароз) духтан 4. воен. эҳтиётӣ, запас; лейтенант ~а лейтенанти запас; числиться в ~е дар запас будан ◇ в ~е ҳаст, мавҷуд аст; у него в ~е много забавных историй у бисьёр ҳикояҳои аҷибу ғариб дорад (медонад); про ~ прост. барои эҳтиёт, эҳтиётан

запасание с (по знач. гл. запасти) захира кардан(и); ~ дров захира кардани ҳезум

запасать несов. см. запасти

запасаться несов. 1. см. запастись; 2. страд. захира карда шудан

запасливость ж эҳтиёткорӣ, захирадорӣ

запаслив||ый, -ая, -ое (запаслив, -а, -о) эҳтиёткор, захирадор, пасандозкунанда; ~ая хозяйка соҳибхоназани эҳтиёткор

запасник I м прост. аскари (афицери) запас (эҳтиётӣ)

запасник II м анбор; ~ музея анбори музей

запасн||ой, -ая, -ое 1. эҳтиётӣ; ~ой экземпляр нусхаи эҳтиётӣ; ~ые части машины қисмҳои эҳтиётии мошин; ~ой игрок спорт. бозигари эҳтиётӣ 2. воен. ...и запас; ~ые войска қушунҳои запас // в знач. сущ. запасной м аскари (афицери) запас

запасный, -ая, -ое см. запасной; ~ выход баромадгоҳи эҳтиётӣ

запасти сов. что, чего захира (пасандоз) кардан; ~ дров на зиму барои зимистон ҳезум захира кардан

запастись сов. чем барои худ чизе пасандоз (захира) кардан, ғундоштан; ~ дровами барои худ ҳезум захира кардан; ~ необходимыми сведениями маълумоти даркориро гун карда мондан ◇ ~ терпением сабру тоқат пеша кардан

запа||сть сов. 1. афтодан, фуру рафтан, чукидан; у него ~ли глаза чашмҳои ӯ фуру рафтаанд 2. разг. (завалиться, закатиться) афтода мондан 3. перен. ба дил нишастан, бисьёр таъсир кардан; его слова глубоко ~ли мне в душу суханони у ба дилам нишаст // (о мыслях, чувствах) пайдо шудан, [ба вуҷуд] омадан, ҷой гирифтан; мне в голову ~ла мысль ба сарам фикре омад

запатентовать сов. что патент гирифтан; ~ своё изобретение ба ихтирои худ патент гирифтан

запатентовывать несов. см. запатентовать

запах м бӯй; острый ~ бӯи тунду тез

запах м бари доман; широкий ~ домани васеъ

запахать сов. что 1. шудгор кардан, рондан; ~ поле заминро шудгор кардан 2. (прикрыть землёй) хокпуш кардан

запахивание I с см. запашка I

запахивание II с (по знач. гл. запахнуть) ба худ печондан(и); ~ пальто ба худ печондани пальто

запахивать I несов. см. запахать

запахивать II несов. см. запахнуть

запахиваться I несов. страд. шудгор карда шудан

запахиваться II несов. 1. см. запахнуться; 2. страд. печонда шудан

запах||нуть сов. разг. 1. (начать пахнуть) бӯй додан гирифтан; цветы ~ли гулҳо бӯй доданд; ~ло дымом безл. бӯи дуд омад 2. безл. чем перен.: ~ло весной бӯи баҳор омад; ~ло скандалом кор то ба ҳадди ҷанҷол расид ◇ ~ло порохом бӯи ҷанг омад

запахнуть сов. что 1. ба худ печондан; ~ пальто пальторо ба худ печондан 2. разг. якбора кашидан, пушондан; ~ окно якбора тирезаро пушондан

запахну||ться сов. 1. во что печидан; ~ться в шубу ба пустин печидан 2. (закинуться — о полах одежды) пӯшида шудан, ҳамдигарро пӯшидан 3. (закрыться, захлопнуться) якбора пушида шудан, баста шудан; окно ~лось от порыва ветра тиреза аз шиддати шамол якбора пушида шуд

запачкать сов. кого-что 1. чиркин (олуда) кардан; ~ руки чернилами дастҳоро бо сиёҳӣ чиркин кардан 2. перен. бадном (беобрӯ) кардан; ~ репутацию обрӯ резондан, бадном кардан (шудан)

запачкаться сов. чиркин (олуда) шудан

запашка ж с.-х. 1. (по знач. гл. запахать) шудгор (шухм) кардан(и) 2. замини шудгоршуда, шухм

запашник м с.-х. поза (асбоби руякӣ шудгор кардани замин)

запашок м разг. уменьш. к запах бӯи андак бад

запаять сов. что кафшер кардан; ~ посуду зарфҳоро кафшер кардан

запев м 1. (начало песни) сарахбори хор, яккахонӣ 2. лит. (начало былины) сарахбори достон

запевала м, ж 1. сарнақш, яккахон 2. перен. огозкунанда, ташаббускор

запевать I несов. что и без доп. сарахбор хондан, оҳанг додан

запевать II несов. см. запеть I

запевка ж фольк. 1. см. запев I; 2. (частушка) дубайтии халқӣ

запеканка ж запеканка (1. як навъ хурок 2. як навъ шароби мева)

запекать несов. см. запечь

запекаться несов. 1. см. запечься; 2. страд. синга пухта шудан

запеленать сов. кого парпеч кардан; ~ ребёнка кудакро парпеч кардан

запеленговать сов. кого-что пеленг кардан; ~ радиостанцию станцияи радиоро пеленг кардан

запенить сов. что кафк кунондан

запени||ться сов. кафк кардан гирифтан; море ~лось баҳр кафк кардан гирифт

запереть сов. 1. что бастан, маҳкам кардан, қуфл (маҳкам) кардан, ғалака андохтан; ~ дверь на ключ дарро қуфл кардан // перен. банд кардан, бастан; ~ воду обро бастан 2. кого-что маҳкам карда мондан; ~ кошку в чулане гурбаро дар мадон маҳкам карда мондан 3. кого-что муҳосира кардан; ~ неприятельский флот флоти душманро муҳосира кардан // (в шахматной и шашечной игре) банд кардан; ~ дамку дамкаро банд кардан ◇ дух (дыхание) заперло у кого прост. нафас танг шуд, нафас гашт; ~ душу на замок дарундор (дамдузд) шудан

запереться сов. 1. дарро аз дарун бастан, дар ба руи худ бастан, худро маҳкам кардан; ~ в комнате худро дар хона маҳкам кардан // перен. уст. (уединиться) пинҳон шудан, руст шудан 2. қуфл шудан, баста шудан; дверь не запирается дар қуфл намешавад 3. см. запираться 3

заперши||ть сов. безл. разг. ба хориш даромадан; у меня ~ло горло (в горле) гулуям ба хориш даромад

запестре||ть сов. 1. (показаться — о пёстром) ба ҳар ранг тофтан; ба назар ало-було намудан; вдали ~ли поля аз дур киштзорҳо ба ҳар ранг тофтанд 2. (замелькать — о пёстром) биҷиррос задан гирифтан; в глазах ~ло от разноцветных огней безл. аз оташакҳои рангоранг чашм биҷиррос зад // (начать часто встречаться) [дам ба дам] вохурдан гирифтан; его имя ~ло на страницах многих журналов номи ӯ дар саҳифаҳои бисьёр журналҳо (маҷаллаҳо) дам ба дам вохурдан гирифт 3. (стать пёстрым) ало-було (рангоранг) шудан; заборы ~ли афишами деворҳо аз афишаҳо рангоранг шуданд

запестреться сов. разг. см. запестреть 1, 3

запетля||ть сов. печутоб хурдан; тропинка ~ла между скал пайраха аз байни харсангҳо печутоб хӯрда мерафт

запетый, -ая, -ое разг. прич., прил. обшуста, забонзадшуда, аз даҳон монда (оид ба суруд, нағма ва ғ.)

запе||ть I сов. что обшуста (забонзад) кардан; эту песню совсем ~ли ин сурудро тамоман забонзад кардаанд

запе||ть II сов. ба сурудан сар (шуруъ) кардан, ба сурудхонӣ даромадан; ~ть песню ба сурудхонӣ даромадан // ба наво даромадан; скрипка ~ла скрипка ба наво даромад // перен. (заговорить протяжно) мад кашида ба гап даромадан

запеться сов. саргарми сурудхонӣ шудан

запечалиться сов. разг. ғамгин (андуҳгин) шудан, ғам (ғусса) хӯрдан

запечатать I сов. что 1. муҳр кардан (задан); ~ пакет сургучной печатью ба пакет мӯҳри сурғучӣ задан

// баста мӯҳр (сурғуч) кардан; ~ **помещение** биноро баста сурғуч кардан 2. часпондан, маҳкам кардан; ~ **конверт** даҳани конвертро часпондан

запечатать II *сов. разг. (начать печатать)* ба чоп сар кардан

запечата||ться *сов. разг.* часпидан, маҳкам шудан; **письмо не ~лось** конверти мактуб маҳкам нашуд

запечатлевать *несов. см.* **запечатлеть**

запечатлеваться *несов.* 1. *см.* **запечатлеться**; 2. *страд.* таҷассум кунонда шудан; нақш бандонда шудан

запечатлеть *сов. что* 1. таҷассум (муҷассам) кунондан; ~ **в произведении образ героя** образи қаҳрамонро дар асар таҷассум кунондан 2. нақш бандондан, ҷой кардан; ~ **в памяти** дар хотир нақш бандондан; ~ **в сердце** дар дили худ ҷой кардан ◇ ~ **поцелуй** *на чём книжн.* бӯса задан

запечатле||ться *сов.* 1. нақш бастан, ҷой гирифтан, акс ёфтан; **на лице его ~лось страдание** дар руи вай осори ранҷу азоб акс ёфт 2. дар хотир мондан; **это событие ~лось в моей памяти на всю жизнь** ин ҳодиса умрбод дар хотири ман монд

запечатывание *с (по знач. гл.* **запечатать** I) муҳр кардан(и); баста муҳр кардан(и)

запечатывать *несов. см.* **запечатать** I

запечатываться *несов.* 1. *см.* **запечататься**; 2. *страд.* муҳр карда шудан; маҳкам карда шудан

запечный, -ая, -ое пасипечкагӣ, ...и паси печка

запечь *сов. что* сирга пухтан // *(испечь, поместив внутрь чего-л.)* пухтан; ~ **яблоко в тесте** себро ба даруни хамир монда пухтан

запе||чься *сов.* 1. сирга пухтан; **рыба ~клась** моҳӣ сирга пухт 2. *(о крови)* бастан, баста шудан, шах шудан 3. *(о губах)* карахш бастан, хушк (қоқ) шудан; **губы ~клись** лабҳо карахш бастанд

запивать I, II *несов. см.* **запить** I, II

запиваться *несов. страд.* бо об хурда шудан

запивоха *м, ж груб. прост.* арақхур, майзада

запиливание *с (по знач. гл.* **запилить** I) андак арра кардан(и); ~ **бревна** андак арра кардани ғӯлачуб

запиливать *несов. см.* **запилить** I

запиливаться *несов. страд.* андак арра карда шудан; суҳон карда шудан

запиликать *сов. разг.* диринг-диринг сар кардан

запилить I *сов. что* 1. *(сделать надрез)* андак арра кардан; ~ **бревно** ғулачубро андак арра кардан 2. *(снять напильником)* суҳон кардан

запилить II *сов. разг.* 1. *(начать пилить)* ба арракунӣ сар кардан 2. *перен.* диринг-диринг (ғинг-ғинг) сар кардан; ~ **на скрипке** скрипкаро ғинг-ғинг кунондан 3. *кого перен.* таъна зада безор кардан, ба ҷон расондан

запинать *сов. разг.* 1. *кого* лагадкуб (лагадкорӣ) кардан; ~ **ногами** лагадкорӣ кардан 2. *что* лагад зада даровардан; ~ **сапоги под лавку** мӯзаро бо пой ба таги харак тиққондан

запинаться *несов. см.* **запнуться**

запинк||а *ж* душворӣ, лакнат, дармондан(и), халал; **читать без ~и** дарнамонда хондан, бе лакнат хондан

запирание *с (по знач. гл.* **запереть**) қуфл кардан(и)

запирательство *с* инкор, мункиршавӣ

запирать *несов. см.* **запереть**

запираться *несов.* 1. *см.* **запереться** 1, 2; 2. *страд.* қуфл (маҳкам) карда шудан 3. *разг. (отрицать свою вину)* инкор кардан, мункир шудан, иқрор нашудан

запировать *сов. разг.* зиёфат (базм) сар кардан

запироваться *сов. разг.* дуру дароз дар зиёфат будан (базм кардан)

записать I *сов.* 1. *что* навиштан, навишта гирифтан; ~ **лекцию** навишта гирифтан; ~ **адрес** адресро навишта гирифтан 2. *кого-что (внести в список)* ба руйхат даровардан, нависондан; ~ **к врачу** ба духтур нависондан; ~ **сына в школу** писари худро ба мактаб нависондан // *кого разг. (посчитать кем-л.)* ҳисоб кардан; ~ **в старухи** кампир ҳисоб кардан 3. *что (на плёнку, пластинку)* навишта гирифтан, сабт кардан; ~ **концерт на плёнку** концертро ба навор сабт кардан 4. *что разг. (исписать)* навишта пур кардан; ~ **бумагу каракулями** когазро бо хатхои каҷу килеб навишта пур кардан 5. *на кого, за кем, кому уст.* гузарондан, васият кардан; ~ **дом на дочь** хонаро ба номи духтар гузарондан

записать II *сов. разг. (начать писать)* ба навиштан сар (шуруъ) кардан, ба хатнависӣ даромадан

записаться *сов.* 1. [номи] худро нависондан; ~ **на приём к врачу** [номи] худро барои қабули духтур нависондан // *(вступить куда-л.)* дохил шудан; ~ **в драматический кружок** ба маҳфили драмавӣ дохил шудан // *разг. (посчитать себя кем-л.)* шумурдан, худро ҳисоб кардан; ~ **в старики** худро пир ҳисоб кардан 2. *разг. (увлечься писанием)* саргарми хатнависӣ шудан

записк||а *ж* 1. хатча, мактубча, рукъа 2. арзнома; **подать докладную ~у** арзнома навишта додан 3. *мн.* **записки** хотираҳо, хотирот; *лит.* ёддоштҳо; *(сборник)* Ахборот; **путевые ~и** сафарнома; **Учёные ~и** Навиштаҷоти илмӣ

записн||ой I, -ая, -ое ...и ёддошт, ...и хотира, ...и қайд; **~ая книжка** дафтари ёддошт, дафтари хотира

записн||ой II, -ая, -ое *разг.* 1. ҳақиқӣ, мумтоз, асил; **он считал себя ~ым охотником** у худро мергани ҳақиқӣ ҳисоб мекард 2. гузаро, ишқбоз; **он был ~ым игроком** вай қиморбози гузаро буд

записывание *с см.* **запись** I

записывать *несов. см.* **записать** I

записываться *несов.* 1. **записаться**; 2. *страд.* навишта (нависонда) шудан

запись *ж* 1. *(по знач. гл.* **записать** 1—3, 5) навиштан(и); навишта гирифтан(и); сабт кардан(и), нависондан(и); ~ **сказок** навишта гирифтани афсонаҳо; ~ **к врачу** ба қабули духтур нависондан(и); ~ **на пластинку** ба пластинка сабт кардан(и) 2. *мн.* **записи** ёддоштҳо, қайдҳо; **тетрадь с записями** дафтари ёддоштҳо 3. *уст.* ҳуҷҷат; **дарственная ~** бахшишнома, инъомнома; **метрическая ~** гувоҳномаи таваллуд

запить I *сов. что чем* аз паси хурок чизе нушидан; бо об хурдан; ~ **лекарство водой** доруро бо об хӯрдан

запить II *сов. разг.* нушонушӣ кардан ◇ ~ **горькую (мёртвую)** бадмастӣ кардан

запихать *сов. см.* **запихнуть**

запихивать *несов. см.* **запихнуть**

запихнуть *сов. кого-что разг.* тиққондан, ҷой кардан

запичкать *сов. кого разг.* аз ҳад зиёд хурондан, аз ҳад зиёд хӯронда (нушонда) касал кардан; ~ **ребёнка конфетами** ба бача конфети зиёд хӯрондан

запища||ть *сов. разг.* 1. ба ғинг-ғинг (ба чӣ-чӣ) даромадан; **цыплята ~ли** чуҷаҳо ба чӣ-чӣ даромаданд // *(о ребёнке)* чиррос задан; 2. *(заговорить плаксиво)* бо нолиш гап задан

заплаканн||ый, -ая, -ое (заплакан, -а, -о) гирьяолуд, ашколуд; **~ые глаза** чашмони гирьяолуд

заплакать *сов.* гирья сар кардан, ба гирья даромадан

запланировать *сов. что* ба план даровардан, ба нақша гирифтан; ~ **строительство жилого дома** сохтмони хонаи истиқоматиро ба план гирифтан

заплат||а *ж* пина, дарбеҳ; ямоқ, пора, поргӣ; **поставить ~у** дарбеҳ кардан; **~а на ~е** чильямоқ

заплатанн||ый, -ая, -ое *прост.* сердарбеҳ; **~ое платье** куртаи сердарбеҳ

заплатать *сов. что прост.* ямоқ кардан, поргӣ андохтан

заплатить *сов.* 1. *что и без доп.* пул додан, [пул дода] адо кардан; ~ **по счёту** аз рӯи счёт пул додан; ~ **долг** қарзро адо кардан 2. *чем перен.* подош додан, қусур баровардан, интиқом (қасос) гирифтан; ~ **злом за добро** ба некӣ бадӣ кардан ◇ ~ **головой** *за что* ҷон фидо кардан; ~ **дань** 1) *кому-чему (воздать должное)* ҳақ шумурдан, лоиқ донистан, ба қадри касе, чизе расидан 2) *чему (сделать уступку)* гузашт (рӯихотир) кардан; **дорого ~** *за что* қурбон (нисор) кардан; **дорого бы заплатил** ҷонамро нисор мекардам

заплатка *ж* 1. *уменьш. к* **заплата**; 2. *(заплата)* ямоқ, дарбеҳ, пина

заплевать *сов. кого-что* туф кардан,

туфолуд кардан; ~ **пол** фарши хонаро туфолуд кардан

заплёвывать *несов. см.* **заплева́ть**

заплёвываться *несов. страд.* туфолуд карда шудан

заплеска́ть I *сов. что* шалаппас занондан; ~ **пол водо́й** ба фарш обро шалаппасзанон пошидан

заплеска́||ть II *сов.* 1. *что (начать плескать)* ба шалаппасзанӣ даромадан 2. *(заколебаться)* ба ҷунбиш даромадан, ба ҳилпиррос даромадан, лаппидан гирифтан; **па́рус ~л на ветру́** бодбон аз шамол лаппидан гирифт

заплеска́||ться *сов. разг.* 1. ба шалаппасзанӣ даромадан; **во́лны с шу́мом ~лись** мавҷҳо ба шалаппасзанӣ даромаданд 2. ба ҷунбиш даромадан, ба ҳилпиррос даромадан, лаппидан гирифтан; **зна́мя ~ лось на ветру́** байрақ аз шамол ҳилпиррос задан гирифт

заплёскива||ть I *несов.* 1. *см.* **заплеска́ть** I; 2. *(доходить, докатываться)* расидан, шалаппас зада расидан; **во́лны ~ют в ло́дку** мавҷҳо шалаппас зада ба заврақ мерасанд

заплёскивать II *несов. см.* **заплесну́ть**

заплёскиваться I *несов. страд.* шалаппас занонда шудан

заплёскиваться II *несов.* 1. *см.* **заплесну́ться;** 2. *страд.* шалаппас занонда шудан

запле́сневелость *ж* мағорбаста будан(и)

запле́сневе́лый, -ая, -ое мағорбаста, карракарда, пупанакбаста; ~ **хлеб** нони мағорбаста

запле́сневе||ть *сов.* мағор бастан, карра кардан, пупанак бастан; **хлеб ~л** нон мағор баст

заплесну́||ть *сов.* 1. *что* шалаппас зада пахш (зер) кардан; **волна́ ~ла ло́дку** мавҷ шалаппас зада қаиқро зер кард 2. *разг.* шалаппас зада рафта расидан; **волна́ ~ла далеко́ на бе́рег** мавҷ шалаппас зада ба соҳил рафта расид

заплесну́ться *сов. разг. см.* **заплесну́ть** 2

заплести́ *сов. что* 1. бофтан; ~ **ко́су** мӯй бофтан, кокул бофтан 2. печондан, печонда гирифтан; **вьюно́к заплёл кусты́ роз** печак буттаи гули садбаргро печонда гирифт

заплести́сь *сов. см.* **заплета́ться** 1. 2

заплета́ние *с (по знач. гл.* **заплести́***)* бофтан(и)

заплета́ть *несов. см.* **заплести́**

заплета́||ться *несов.* 1. ба зур роҳ рафтан; ба ҳам печидан; **но́ги ~ются** пойҳо ба ҳам мепечанд 2. *обл.* печидан; **вьюно́к ~ется** печак мепечад 3. *страд.* бофта шудан; печонда шудан ◇ **от волне́ния у него ~ется язы́к** аз ҳаяҷон забонаш мегирад

заплечн||ый, -ая, -ое ...и тахтапушт; **~ый мешо́к** борхалта ◇ **~ое де́ло** *уст.* ҷаллодӣ, дарразанӣ; **~ый ма́стер, ~ых дел ма́стер** *уст.* ҷаллод, дарразан

запле́чье *с прост.* 1. шона 2. *(приспособление для переноски тяжестей)* полони ҳаммолӣ

запле́шина *ж обл.* ҷои бемуй; ҷои пашмрехта

запломбирова́ть *сов. что* 1. пломба кардан, [ковоки дандонро] пур кардан; ~ **зуб** ковоки дандонро пур кардан 2. пломба кардан (задан), муҳри қурғошимӣ задан; ~ **това́рный ваго́н** ба вагони боркаш пломба задан

запломбиро́вывать *несов. см.* **запломбирова́ть**

запломбиро́вываться *несов. страд.* пломба карда шудан

запло́т *м обл. (забор)* девор, тавора

заплоша́ть *сов. обл.* бад (ганда) шудан; суст (касал) шудан

заплута́ть *сов. см.* **заплута́ться**

заплута́ться *сов. прост.* роҳ гум кардан

заплы́в *м спорт.* [мусобиқаи] шиноварӣ, шино кардан; ~ **на ... ме́тров** шиноварӣ ба ... метр; ~ **на спине́** шиноварии пуштнокӣ

заплыва́ть I, II *несов. см.* **заплы́ть** I, II

заплы́ть I *сов.* шинокунон рафтан; шино кардан; ~ **на середи́ну реки́** то миёнаи дарьё шино кардан

заплы́||ть II *сов.* 1. *чем* пахш (зер) кардан; об шудан, шоридан; **пруд ~л ти́ной** ҳавзро лойқа зер кард 2. *чем* чарбу бастан, фарбеҳ шудан; **гу́си ~ли жи́ром** ғозҳо фарбеҳ шуданд // *(о лице)* равған гирифтан

запляса||ть *сов.* 1. ба рақс даромадан; *(о лошади)* ба пойкӯбӣ даромадан 2. *перен.* ба ҷунбиш даромадан; **всё закружи́лось и ~ло пе́ред его́ глаза́ми** дар пеши чашмонаш ҳама чиз чарх зада ба бозӣ даромад

запляса́ться *сов. прост.* бисьёр рақсидан, рақсида шалпар шудан

запну́ться *сов.* 1. дармондан, дакка (пешпо) хурдан; ~ **о ковёр** ба гилем пешпо хурдан 2. *перен.* дармондан; ~ **на тру́дном сло́ве** ба калимаи душвор дармондан

запове́дать *сов. что или с неопр.* 1. *высок. (завещать)* фармудан, васият кардан 2. *уст. (доверить)* бовар карда гуфтан (супурдан); ~ **та́йну** сирро бовар карда гуфтан 3. *уст. (наложить запрет)* манъ карда

запове́дник *м* мамнуъгоҳ

запове́дн||ый, -ая, -ое 1. манъ, мамнуъ; **~ый лес** ҷангали буриданаш манъ; **~ые луга́** марғзори мамнуъ 2. махфӣ, ниҳонӣ; **~ая доро́га** роҳи ниҳонӣ 3. *(заветный)* муқаддас, дилхоҳ

запове́довать *несов. см.* **запове́дать**

запове́доваться *несов. страд.* манъ карда шудан; бовар карда шудан

за́поведь *ж* 1. *рел.* амру наҳйи динӣ, аҳком 2. *перен. высок.* васият

запога́нивать *несов. см.* **запога́нить**

запога́нить *сов. что прост.* ҳаром (мурдор) кардан; ~ **посу́ду** зарфҳоро ҳаром кардан

заподазривать(ся) *несов. см.* **заподо́зривать(ся)**

заподлицо́ *нареч. (вровень с чем-л.)* баробар; **сде́лать поро́г ~ с по́лом** остонаро бо фарши хона баробар карда сохтан

заподо́зривать *несов. см.* **заподо́зрить**

заподо́зриваться *несов. страд.* гумони бад карда шудан

заподо́зри||ть *сов.* 1 *кого в чём* гумони бад кардан, бадгумон шудан, гумонбар шудан; **~ть кого́-л. в воровстве́** аз касе гумонбар шудан // *что* гумон (тахмин) кардан; **он ~л обма́н** у фиреб гуфта гумон кард 2. *что уст. (усомниться в чём-л.)* ба шубҳа афтодан

запо́ем *нареч. разг.* бисьёр, аз ҳад зиёд; бо шавқу завқ; **чита́ть ~** бисьёр китоб хондан; **пить ~** бисьёр майхурӣ кардан

запозда́л||ый, -ая, -ое дермонда, деркарда, деррасида; **~ое изве́стие** хабари деррасида; **~ое раска́яние** пушаймонии бемавқеъ; **~ая весна́** баҳори деромада // *уст. (устарелый)* кӯҳна

запозда́ние *с* дермонӣ, деррасӣ, таъхир кардан(и); **прийти́ с больши́м ~м** бисьёр таъхир кардан

запозда||ть *сов.* 1. дер мондан, дер кардан, дер омадан; **по́езд ~л** поезд дер монд 2. *с чем или с неопр.* дер кардан, таъхир кардан; **~ть с упла́той** дар пардохт таъхир кардан; **~ть отве́тить** ҷавобро ба таъхир андохтан

запозд́ниться *сов. обл.* ҳаял кардан

за́поздно *нареч. обл.* дар бевақтӣ

запои́ть *сов. кого прост.* гармогарм об нушондан; ~ **ло́шадь** аспро гармогарм об нушондан

запо́||й *м* майхорагӣ, майпарастӣ, майзадагӣ; **страда́ть ~ем** ба дарди майзадагӣ гирифтор будан; **пить ~ем** бисьёр майхурӣ кардан

запо́йный, -ая, -ое 1. ...и майзада; ~ **вид** афти майзада 2. *разг. (страдающий запоем)* майзада; ~ **пья́ница** майзада

заполева́ть *сов. кого охот.* бо саг доштан (сайд кардан); ~ **за́йца** харгушро бо саг доштан

запо́лзать *сов. разг.* ба хазидан сар кардан, ба гаваккашӣ даромадан

заполза́ть *несов. см.* **заползти́**

заползти́ *сов.* хазида даромадан; гавак кашида даромадан; хазида баромадан; гавак кашида баромадан

заполне́ние *с (по знач. гл.* **запо́лнить***)* пур кардан(и); *(по знач. гл.* **запо́лниться***)* пуршави, пур шудан(и); ~ **анке́ты** пур кардани анкета; ~ **бассе́йна водо́й** аз об пур кардани ҳавз

заполни́тель *м стр.* оканда, пуркунанда *(сангреза, рег ва ғ., ки ба таркиби маҳлули бинокорӣ, бетон андохта мешавад)*

запо́лни||ть *сов. что* 1. пур кардан; **зри́тели ~ли зал** тамошобинон залро пур карданд // *перен.* ҷалб кардан, ба худ кашидан; фаро гирифтан; **~ть вре́мя рабо́той** вақтро бо кор гузарондан 2. *(вписать)* пур кардан; **~ть анке́ту** анкета пур кардан

заполни||ться *сов.* пур шудан; комната ~лась народом хона аз одам пур шуд

заполнять *несов. см.* заполнить

заполняться *несов.* 1. *см.* заполниться; 2. *страд.* пур карда шудан

заполони||ть *сов.* 1. *что разг.* пур кардан, пуропур кардан; толпа ~ла всю улицу анбуҳи мардум тамоми кӯчаро пур кард 2. *кого уст. и обл.* (*взять в плен*) асир кардан

заполонять *несов. см.* заполонить

заполоняться *несов. страд.* пуропур карда шудан

заполоскаться *сов. прост.* ба шалап-шулуп даромадан; ~ в воде дар об ба шалап-шулуп даромадан

заполучать *несов. см.* заполучить

заполучить *сов. кого-что разг.* гирифтан, ба даст даровардан, пайдо кардан

заполыхать *сов. разг.* 1. (*начать полыхать*) аланга гирифтан 2. (*заблестеть*) дурахшидан гирифтан

заполярный, -ая, -ое ...и он суи қутб; ~ город шаҳри он суи қутб

Заполярье *с* Заполярье, он суи қутб; жить в ~ дар он суи қутб зиндагӣ кардан

запоминание *с* (*по знач. гл.* запомнить) аз ёд кардан(и), дар ёд нигоҳ доштан(и), ба ёд доштан(и), ҳифз кардан(и); ~ новых слов аз ёд кардани калимаҳои нав

запоминать *несов. см.* запомнить I

запоминаться *несов.* 1. *см.* запомниться; 2. *страд.* аз ёд карда шудан, ба ёд дошта шудан, дар хотир нақш бастан, ҳифз шудан

запоминающ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* ҳифзкунанда; ~ее устройство таҷҳизоти ҳифзкунанда

запомнить I *сов. кого-что* аз ёд кардан, ба ёд (дар хотир) доштан; ~ лицо встречного афти одами роҳгузарро дар хотир доштан

запомни||ть II *несов. с отриц.:* не ~ть чего дар хотир (дар ёд) надоштан; такой жары никто не ~т ҳеҷ кас чунин гарморо дар хотир надорад

запомниться *сов. кому* дар хотир (дар ёд) мондан

запонка *ж* запонка, тугма, бандак

запор I 1. (*по знач. гл.* запереть I) қуфл (маҳкам) кардан(и) 2. ғалақа, қуфл; дверной ~ ғалақаи дар; быть на ~е қуфл будан

запор II *м* қабзият, қабзи (сахтшавии) меъда; страдать ~ом ба қабзият гирифтор будан

запорашивать *несов. см.* запорошить I

запорный, -ая, -ое маҳкамкунанда, маҳкамшаванда; ~ клапан парового котла сарпушаки маҳкамшавандаи деги буғ

запороть I *сов. кого разг.* (*засечь*) зада-зада куштан (*бо қамчин ё калтак*)

запороть II *сов. прост.* 1. *кого* зада (халонда) куштан (*мас. бо корд, шамшер*) 2. *что* вайрон кардан; ~ деталь детальро вайрон кардан

запороши||ть I *сов. кого-что* пушидан, пушондан; иней ~л деревья кирав дарахтҳоро пушид; дорогу ~ло снегом *безл.* роҳро барф пушид; глаза ~ло пылью *безл.* ба чашм гард даромад

запороши||ть II *сов. разг.* (*начать порошить*) ба боридан сар (шурӯъ) кардан; ~л снежок барфи реза ба боридан сар кард

запорха||ть *сов.* ба парпанакзанӣ сар кардан, ба парвоз даромадан; птичка ~ла с ветки на ветку мурғак аз шохча ба шохча паридан гирифт

запорхну||ть *сов. разг.* парида даромадан; воробей ~л в окно гунҷишк аз тиреза ба хона парида даромад

запотевать *несов. см.* запотеть

запотевший, -ая, -ее 1. *прич.* арақкарда 2. *прил. см.* запотелый

запотел||ый, -ая, -ое 1. *разг.* таршуда; арақкарда; ~ые стёкла шишаҳои арақкарда 2. *прост.* (*вспотевший*) арақшор, арақолуд

запоте||ть *сов.* 1. тар шудан; арақ кардан; стёкла ~ли шишаҳо арақ карданд 2. *прост.* (*вспотеть*) арақ кардан

започивать *сов. уст.* хуфтан

запоясать *сов. кого прост.* камар (миён) бастан

запоясаться *сов. прост.* камари (миёни) худро бастан

запоясывать *несов. см.* запоясать

запоясываться *несов.* 1. *см.* запоясаться; 2. *страд.* камар баста шудан

заправдашний, -яя, -ее *прост. и обл.* рост, ростинчак

заправдашный, -ая, -ое *см.* заправдашний

заправду *нареч. прост. и обл.* [ба] ростӣ

заправила *м, ж прост.* саркарда, саркор

заправить *сов. что* 1. шинондан, даровардан, тиққондан, ҷой кардан; ~ брюки в сапоги шимро ба муза тиққондан; ~ волосы под платок муйро ба таги руймол ҷой кардан 2. (*положить приправу*) хуриш андохтан; ~ борщ сметаной ба карамшурбо қаймоқ андохтан 3. (*залить горючее*) андохтан, пур кардан; ~ машину бензином ба мошин бензин андохтан; ~ лампу ба чароғ равған андохтан 4. (*наладить*) соз (дуруст) кардан; ~ швейную машинку мошини чокдузиро дуруст кардан ◇ ~ койку (кровать) ҷогаҳро ғундоштан

заправиться *сов.* 1. *разг.* андохтан, пур кардан; бензин гирифтан; ~ горючим ба мошин сузишворӣ андохтан 2. *прост.* (*наесться и напиться*) шикам сер кардан

заправка *ж* 1. (*по знач. гл.* заправить *и* заправиться) андохтан(и), пур кардан(и) 2. *разг.* колонкаи бензингирӣ 3. (*приправа*) хуриши (доруворӣ) таом; ~ для супа хуриши шурбо ◇ ~ койки (кровати) ғундоштани ҷогаҳ

заправлять *несов.* 1. *см.* заправить; 2. *чем прост.* (*управлять, руководить*) сару бар шудан ◇ ~ арапа дуруғ гуфтан (бофтан), гул задан

заправляться *несов.* 1. *см.* заправиться; 2. *страд.* даровардa шудан; пур карда шудан, андохта шудан; дуруст карда шудан

заправочн||ый, -ая, -ое ...и бензингирӣ, ...и бензин; ~ый пункт пункти бензингирӣ; ~ая колонка колонкаи бензин

заправский, -ая, -ое *разг.* ҳақиқӣ, асил; ~ шахматист шоҳмотбози ҳақиқӣ; ~ охотник мергани асил

заправщик *м* бензинандоз, бензиндеҳ; самолёт-~ самолёти бензиндеҳ

заправщица *женск. к* заправщик

запрашивание *с* (*по знач. гл.* запросить 1) пурсиш, талаб кардан(и); нархи барзиёд мондан(и), нархро боло бардоштан(и)

запрашивать *несов. см.* запросить 1

запрашиваться *несов страд.* пурсида (талабида) шудан; нархи барзиёд монда шудан, нарх боло бардошта шудан

запревать *несов. см.* запреть

запредельный, -ая, -ое *книжн.* берунӣ, ...и берун

запрет *м см.* запрещение; наложить ~ манъ кардан; быть (находиться) под ~ом манъ (кадағaн) будан

запретительн||ый, -ая, -ое манъкунанда, қадағанкунанда; ~ые меры чораҳои манькунанда ◇ ~ые пошлины (тарифы) боҷи гарон

запретить *сов. что или с неопр.* манъ (қадаған) кардан, роҳ (рухсат) надодан; ~ нейтронное оружие яроқи нейтрониро манъ кардан

запретн||ый, -ая, -ое манъшуда, мамнуъ, қадаған[шуда]; ~ая зона ноҳияи (минтақаи) қадаған ◇ ~ый плод чизи мамнуъ

запреть *сов. разг.* пусидан гирифтан, пусида нобуд шудан

запрещать *несов. см.* запретить

запрещаться *несов страд.* манъ (қадаған) карда шудан; запрещается пропаганда войны ташвиқи ҷанг манъ аст

запрещение *с* (*по знач. гл.* запретить) манъ (қадаған) кардан(и); манъ, қадаған

запрещённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* манъ (қадаған) кардашуда 2. *прил.* мамнуъ, қадаған; ~ая книга китоби мамнуъ

заприметить *сов. кого-что разг.* дида мондан, таги чашм кардан

заприходовать *сов. что* ба ҳисоби мадохил навиштан, ба ҳисоби даромад гузоштан; ~ взносы пардохтҳоро ба ҳисоби даромад навиштан

запричитать *сов. прост.* навҳа сар кардан

запрограммировать *сов.* программа (нақша) сохтан, ба программа (нақша) даровардан, ба нақша гирифтан

запродавать *несов. см.* запродать

запродаваться *несов. страд.* пешакӣ фурухта шудан, пешакӣ савдо шудан, пешакӣ ба фуруш рафтан

запродажа *ж* (*по знач. гл.* запродать) савдои пешакӣ

запродать *сов. что* пешакӣ фурӯхтан, пешакӣ савдо кардан

запроектировать *сов. что* ба лоиҳа гирифтан, лоиҳа кашидан; ~ **завод** заводро ба лоиҳа гирифтан

запрокидывать *несов. см.* **запрокинуть**

запрокидываться *несов.* 1. *см.* **запрокинуться;** 2. *страд.* ба қафо хам карда шудан

запрокинуть *сов. что разг.* ба қафо хам кардан; ~ **голову** сарро ба қафо хам кардан

запрокинуться *сов. разг.* ба қафо хам шудан

запропастить *сов. что обл.* гум кардан, ба куҷое мондан (партофтан)

запропаститься *сов. прост.* ғоиб (гум) шудан, ғайб задан, бедарак шуда рафтан

запропасть *сов. см.* **запропаститься**

запрос *м* 1. дархост, талабот; **ответ на** ~ ҷавоби дархост; **сделать** ~ дархост кардан 2. *чаще мн.* **запросы** *(спрос, требования)* талабот; ~**ы производства** талаботи истеҳсолот 3. *мн.* **запросы** *(стремления, потребности)* талабот, эҳтиёҷот; иштиёқ, ҳавас; **у него большие** ~**ы** талаботи вай калон аст; **культурные** ~**ы** эхтиёҷоти маданӣ 4. *разг. (на товар)* нархи аввалаи фурӯш *(дар бозор)* ◇ **цена без** ~**а** нархи катъӣ

запросить I *сов.* 1. *кого-что* пурсидан, талаб кардан; ~ **командование** аз ҳайати фармондеҳӣ пурсидан 2. *что разг.* нархи баланд мондан; ~ **неслыханную цену** нархи бисьёр баланд мондан

запроси||ть II *сов. разг. (начать просить)* ба пурсиш даромадан; **больной** ~**л пить** бемор об хост

запроситься *сов. разг.* ба иҷозатталабӣ даромадан, рухсат хостан

запросто *нареч. разг.* бетакаллуфона, ҳамту; **бывать у кого-л.** ~ ба хонаи касе бетакаллуфона рафтуомад кардан; **держаться** ~ **с кем-л.** бетакаллуфона бо касе рафтор кардан

запротестовать *сов.* норозӣ шудан

запротоколировать *сов. что* ба протокол даровардан; ~ **выступления на собрании** баромади одамонро дар маҷлис ба протокол даровардан (навиштан)

запруд||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **запрудить** 1) банд кардан(и), бастан(и); ~**а рек** бастани дарьёҳо 2. банди об, дарғот; **вода прорвала** ~**у** об дарғотро вайрон кард 3. *(водоём)* обанбор, ҳавз, обгир

запруди||ть *сов. что* 1. банд кардан, бастан; ~**ть реку** дарьёро бастан 2. *перен. разг.* пур кардан; **толпа** ~**ла улицу** издиҳом кӯчаро пур кард

запруди||ться *сов.* 1. банд шудан, баста шудан 2. *перен. разг.* пур шудан; **улицы** ~**лись народом** кӯчаҳо аз мардум пур шуданд

запружать(ся) *несов. разг. см.* **запруживать(ся)**

запруживание *с (по знач. гл.* **запрудить)** банд кардан(и); пур кардан(и); *(по знач. гл.* **запрудиться)** пуршавӣ, пур шудан(и)

запруживать *несов. см.* **запрудить**

запруживаться *несов.* 1. *см.* **запрудиться;** 2. *страд.* банд карда шудан, баста шудан; пур карда шудан

запрыга||ть *сов.* 1. ба ҷастухез даромадан; **мальчик** ~**л от радости** бача аз хурсандӣ ба ҷастухез даромад 2. ба бардорузан даромадан; **телега** ~**ла по камням** ароба аз болои сангҳо бардорузанкунон рафт 3. ба ларза (ба тапиш) даромадан; **у меня сердце** ~**ло от радости** дилам аз хурсандӣ ба тапиш даромад 4. барқ задан гирифтан; **у него в глазах** ~**ли лукавые искорки** чашмонаш айёрона барқ заданд

запрыгивать *несов. см.* **запрыгнуть**

запрыгну||ть *сов. разг.* ҷаҳида гузаштан, хез зада баромадан; ~**ть за черту** аз хат ҷаҳида гузаштан; **кошка** ~**ла на подоконник** гурба хез зада ба пештахтаи тиреза баромад

запрягать *несов. см.* **запрячь**

запрягаться *несов.* 1. *см.* **запрячься;** 2. *страд.* баста шудан

запряжка *ж* 1. *(по знач. гл.* **запрячь)** бастан(и), қуш кардан(и) 2. *(упряжка)* аспу ароба 3. *(сбруя, упряжь)* афзоли аспу ароба

запрятать *сов. что разг.* пинҳон (руст) кардан, ҷо кардан; андохтан; ~ **туфли под кровать** туфлиро ба таги кат ҷо кардан; ~ **руки в карманы** дастро ба киса андохтан

запрятаться *сов. разг.* пинҳон (руст) шудан

запрятывать *несов. см.* **запрятать**

запрятываться *несов. см.* **запрятаться;** 2. *страд.* пинҳон карда шудан

запрячь *сов. кого-что* 1. бастан, қуш кардан; ~ **лошадь в сани** аспро ба чана бастан; ~ **повозку** аспро ба ароба бастан 2. *перен. разг.* кори сахт фармудан; ~ **в работу** кори сахт фармудан

запрячься *сов. разг.* миён бастан; ~ **в работу** ба коре миён бастан

запуганно *нареч.* ҳаросон, тарсон

запуганность *ж* ҳаросонӣ, ваҳшатзадагӣ

запуганный, -ая, -ое 1. *прич.* тарсондашуда 2. *прил.* тарсида, ваҳшатзада, ваҳмак; ~ **ребёнок** бачаи ваҳмак

запугать *сов. кого-что* тарсондан, таҳдид кардан, дуғу пуписа кардан

запугивание *с (по знач. гл.* **запугать)** тарсондан(и), таҳдид кардан(и), таҳдид, дуғу пуписа

запугивать *несов. см.* **запугать**

запугиваться *несов. страд.* тарсонда шудан, ваҳшатзада шудан

запудривать *несов. см.* **запудрить**

запудриваться *несов. страд.* пудра (упо) зада шудан, сафедӣ зада шудан

запудрить *сов. что* пудра (упо) задан, сафедӣ задан

запулить *сов. что, чем прост.* андохтан, ҳаво додан, партофтан; ~ **камень (камнем) в окно** ба тиреза санг ҳаво додан

запуск *м (по знач. гл.* **запустить** I 1, 2, 4) сар додан(и); ҳаво додан(и); ба кор андохтан(и); ~ **искусственного спутника** сар додани радифи масну̣ъ; ~ **станка** ба кор андохтани дастгоҳ

запускание I *с см.* **запуск**

запускание II *с (по знач. гл.* **запустить** II) бенигоҳубин мондан(и)

запускать I, II *несов. см.* **запустить** I, II

запускаться I *несов. страд.* сар дода шудан; ҳаво дода шудан

запускаться II *несов. страд.* бенигоҳубин (беназорат) монда шудан

запустел||ый, -ая, -ое *уст. (заброшенный)* бесоҳиб, бесару сомон, холӣ, хароб; ~**ая усадьба** работи бесоҳиб (хароб)

запустени||е *с (по знач. гл.* **запустеть)** бесоҳибӣ, харобӣ, бенигоҳубинӣ ◇ **мерзость** ~**я** *книжн.* ниҳояти харобӣ

запустеть *сов.* бесоҳиб мондан, бенигоҳубин мондан, хароб шудан, холӣ шудан

запустить I *сов.* 1. *что* парронидан, сар (ҳаво) додан; ~ **ракету** ракета (мушак) сар додан // *что чем разг.* андохтан, ҳаво додан; ~ **камнем в кого-л.** ба тарафи касе санг андохтан 2. *что разг.* ба ҳаракат овардан, ба кор андохтан; ~ **мотор** моторро ба ҳаракат овардан; ~ **станок** дастгоҳро ба кор андохтан 3. *что разг.* даровардан; ~ **руку в карман** даст ба киса кардан (бурдан) 4. халондан, задан; **ястреб запустил когти в цыплёнка** қарчиғай ба чуҷа чангол зад ◇ ~ **руку (лапу)** *во что, куда* аз они худ кардан, соҳибӣ кардан; ~ **слово (словечко, словцо)** *уст.* як даҳан гап зада мондан

запустить II *сов.* 1. *что* бенигоҳубин (беназорат) монондан, ба ҳоли худ гузоштан; ~ **хозяйство** хоҷагиро бенигоҳубин монондан // гузаронидан; ~ **болезнь** касалиро гузаронидан // партофта мондан; ~ **работу** корро партофта мондан 2. *кого с.-х.* дигар надушидан *(говро)* 3. *что с.-х.* дам додан, бенигоҳубин гузоштан *(заминро)*

запутанно *нареч.* печ дар печ, муғлақ, дарҳам-барҳам

запутанность *ж* чигилӣ, печдарпечӣ, дарҳам-барҳамӣ, саргумӣ; ~ **судебного дела** чигилии кори судӣ

запутанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* чигил кардашуда 2. *прил.* чигил, печида; ~**ые нитки** ресмони чиғил 3. *прил. перен.* чигил, печ дар печ, дарҳам-барҳам, саргум, муғлақ; ~**ая история** воқеаи чигил

запутать *сов.* 1. *что* чигил кардан; ~ **нитки** ресмонро чигил кардан 2. *что перен.* чигил кардан, печ дар печ карда мондан, мураккаб кардан; ~ **дело** корро чигил кардан 3. *кого-что перен. разг. (сбить с толку)* гаранг кардан, гумроҳ кардан 4. *кого-что разг. (впутать)* аралаш кардан, қати кардан ◇ ~ **следы** ба роҳи ғалат бурдан, фиреб додан

запута||ться *сов.* 1. чигил шудан, гиреҳ афтидан; **нитки** ~**лись** ресмон

чигил шуд 2. *в чём* афтодан, дармондан; **го́лубь ~лся в силке́** кабӯтар ба дом афтод 3. *перен. разг.* печ дар печ (чигил) шудан, ишкел афтидан; **де́ло ~лось** ба кор ишкел афтид 4. *разг.* роҳ гум кардан, гумроҳ шудан; **~ться в лесны́х тропи́нках** дар пайраҳаҳои ҷангал роҳ гум кардан 5. *перен* гумроҳ шудан; **~ться в мы́слях** сарриштаи фикрро гум кардан 6. *перен. разг.* ночор мондан, гирифтор шудан, ғутидан; **~ться в долга́х** ба қарз ғутидан

запу́тывать *несов. см.* запу́тать

запу́тываться *несов.* 1. *см.* **запу́таться,** 2. *страд.* чигил (печ дар печ) карда шудан

запуха́ть *несов. см.* **запу́хнуть**

запу́хнуть *сов. разг.* варам кардан, дам кардан

запуши́||ть *сов. что* саҳл пушондан; **и́ней ~л дере́вья** шохи дарахтон қирав баст

запуши́||ться *сов.* 1. *чем* пушида шудан; **дере́вья ~лись снего́м** дарахтҳо бо барф пушида шуданд 2. *(о растениях)* тибитак кардан; **ве́рба ~лась** бед тибитак кард

запуще́ние *с уст.* бесоҳибӣ, харобӣ, бенигоҳубинӣ

запу́щенность *ж* бенигоҳубин будан(и), беназорат мондан(и)

запу́щенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* бенигоҳубин монондашуда; гузарондашуда 2. *прил.* бенигоҳубин (беназорат) монда; **~ый сад** боғи бенигоҳубин монда 3. *прил.* куҳна; **~ая боле́знь** касалии куҳна

запыла́||ть *сов.* 1. оташ (аланга) гирифтан, шуълавар шудан; **~л костёр** гулхан аланга гирифт // *перен. чем* даргирифтан; **~ть гне́вом** оташин (дарғазаб) шудан 2. *перен.* суп-сурх шудан, тафсидан, гулгун шудан; **её щёки ~ли** рухсораҳояш суп-сурх шуданд; **зака́т ~л** шафақи шом гулгун шуд

запылённость *ж* чанголуд (ғуборолуд, серчанг, серғубор) будан(и); **~ во́здуха** серчангу ғубор будани хаво

запылённый, -ая, -ое *прич., прил.* чанголуд, серчанг, ғуборолуд, серғубор

запыли́ть I *сов. что* чанг (чанголуд) ғубор (ғуборолуд) кардан; **~ пла́тье** куртаро чанголуд кардан

запыли́||ть II *сов. (начать пылить)* чанг кардан гирифтан, чанг бардоштан; **по доро́ге ~л грузови́к** дар роҳ мошини боркаш чанг бардошт

запыли́ться *сов.* чанг (чанголуд) шудан, ғубор (ғуборолуд) шудан

запыха́ться I *несов. разг. (тяжело дышать)* бо зур нафас гирифтан, нафастанг шудан, нафас гаштан

запыха́ться II, **запыха́ться** *сов. разг. (почувствовать одышку)* нафас гаштан, нафастанг шудан

запыхте́ть *сов. разг. (о человеке)* ба ҳашшасзанӣ (ба ҳарсасзанӣ) даромадан; *(о паровозе и т. п.)* ба фашфаш сар кардан

запьяне́ть *сов. прост.* маст (сархуш) шудан

запьянцо́вский, -ая, -ое *прост.* 1. *(любящий выпить)* аракхӯр 2. мастона, бадмастона; **~ вид** қиёфаи мастона

запя́стн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и банди даст

запя́стье *с* 1. *анат.* банди даст 2. *уст. (браслет)* дастпона

запят||а́я *ж* вергул; **поста́вить ~у́ю** вергул мондан (гузоштан)

запя́тки *тк. мн.* пушти фойтун *(ҷой барои хизматгор дар фойтунҳои қадима)*

запятна́ть *сов.* 1. *что* лаккадор (доғдор) кардан; **~ ска́терть** дастархонро доғдор кардан 2. *кого-что перен.* бадном (беобру) кардан, доғдор кардан; **~ своё и́мя** худро бадном кардан, обрӯи худро резондан 3. *что лес. и обл.* тамға задан; **~ дере́вья на сруб** ба дарахтҳои буриданӣ тамға задан 4. *кого разг. (в игре)* даст задан (расондан)

запятна́ться *сов. разг.* 1. лаккадор (доғдор) шудан 2. *перен.* бадном (беобрӯ) шудан

зараба́тывание *с (по знач. гл.* **зарабо́тать** I) бозьёфт кардан(и), пул кор кардан(и)

зараба́тывать *несов. см.* **зарабо́тать** I

зараба́тываться *несов.* 1. *см.* **зарабо́таться;** 2. *страд.* бозьёфт карда шудан

зарабо́тать I *сов. что и без доп.* пул кор кардан, бозьёфт кардан; **хорошо́ ~** нағз пул кор кардан // *разг. (добиться трудом)* ҳақ пайдо кардан; **~ пе́нсию** ба нафақа ҳақ пайдо кардан // *разг. шутл.* гирифтан; **~ вы́говор** выговор гирифтан

зарабо́тать II *сов. (начать работать)* ба кор даромадан

зарабо́та||ться *сов. разг.* 1. ба кор овора шудан, саргарми кор шудан; **он ~лся и забы́л об обе́де** у саргарми кор шуда хуроки хӯриро фаромуш кард 2. *(устать от работы)* аз кор монда шудан, бисьёр кор карда хаста шудан

зарабо́тн||ый, -ая, -ое: **~ая пла́та** музди кор, маош, моҳона; **реа́льная ~ая пла́та** музди ҳақиқии меҳнат

за́работок *м* 1. моҳона, музд, музди меҳнат, даромад 2. *чаще мн.* **за́работки** пулкоркунӣ

зара́внивать *несов. см.* **заровня́ть**

заравниваться *несов.* 1. *см.* **заровня́ться;** 2. *страд.* ҳамвор (тахт) карда шудан

заража́емость *ж* сироятшавандагӣ, гирифторшавандагӣ, мубталошавандагӣ

заража́ть *несов. см.* **зарази́ть**

заража́ться *несов.* 1. *см.* **зарази́ться;** 2. *страд.* гирифтор (мубтало) карда шудан

зараже́ни||е *с (по знач. гл.* **зарази́ть)** гирифтор (мубтало) кардан(и); *(по знач. гл.* **зарази́ться)** гирифтор (мубтало) шудан(и); **~е кро́ви** уфунати хун; **опа́сное ~е** *(местности)* заҳролудшавии хавфноки маҳал; **радиоакти́вное ~е** заҳролудшавии радиоактив; **хими́ческое ~е** *(во́здуха, атмосферы)* бо моддаҳои химиявӣ заҳролуд кардани ҳаво (муҳит); **подве́ргнуться радиоакти́вному ~ю** бо моддаҳои радиоактив заҳролуд шудан

заражённость *ж* сирояткунанда (гузаранда) будан(и)

заражённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* гирифтор (мубтало) кардашуда 2. *прил.* заҳролуд; **~ый во́здух** хавои заҳролуд; **~ая ме́стность** мавзеи заҳролуд

за́раз *нареч. обл. (сию минуту)* дарҳол, ҳамин дам

зараз *нареч. разг. (за один раз)* якбора, ба як бор

зара́з||а *ж* 1. микробҳои касаливовар; мараз; **исто́чник ~ы** манбаи микробҳои касаливовар; **занести́ ~у** мараз паҳн кардан 2. *прост. бран.* мараз, палид

зарази́тельно *нареч.* бо завқ, бо шавқ; **~ смея́ться** бо завқ хандидан

зарази́тельность *ж* 1. сирояткунандагӣ, гузарандагӣ; **~ боле́зни** сирояткунандагии касалӣ 2. *перен.* завқовар будан(и); **~ сме́ха** завқовар будани ханда

зарази́тельн||ый, -ая, -ое (зарази́те|лен, -льна, -льно) 1. сирояткунанда, гузаранда; **~ая боле́знь** касалии гузаранда 2. *перен.* асаркунанда, завқовар, шавқовар; **~ый смех** хандаи завқовар; **~ый приме́р** мисоли ибратбахш

зарази́ть *сов.* 1. *кого-что чем* гирифтор (мубтало) кардан; **~ гри́ппом** ба грипп мубтало кардан // *что* олуда (вайрон) кардан *(бо моддаҳои зарарнок)* 2. *кого-что перен.* таъсир кардан, ҳавас пайдо кунондан, гузарондан; **~ приме́ром** намунаи ибрат шудан

зарази́ться *сов. чем и без доп.* 1. гирифтор (мубтало) шудан; **~ гри́ппом** ба грипп гирифтор шудан 2. *перен.* ҳавас пайдо кардан; **~ весе́льем** хушҳол шудан

зарази́ха *ж бот.* шумгиёҳ

зара́зн||ый, -ая, -ое (зара́з|ен, -на, -но) 1. сирояткунанда, гузаранда; **~ые боле́зни** касалиҳои сирояткунанда 2. ...и касалиаш (...и дардаш) гузаранда; **~ый больно́й** бемори дардаш гузаранда // *в знач. сущ.* **зара́зный** *м,* **зара́зная** *ж* бемори касалиаш гузаранда 3. *разг.* ...и бемориҳои гузаранда, ...и касалиҳои сирояткунанда; **~ое отделе́ние** шуъбаи бемориҳои гузаранда

зара́не *нареч. уст. см.* **зара́нее**

зара́нее *нареч.* пешакӣ, пеш аз вақт, каблан; **~ обду́мать свой отве́т** ҷавоби худро пешакӣ андешидан; **реши́ть всё ~** ҳама чизро пешакӣ ҳал кардан

зарапортова́ться *сов. разг.* лаққида мондан; дуруғи бисьёр гуфтан

зараста́ть *несов. см.* **зарасти́**

зарасти́ *сов.* 1. пушида шудан, зер (пахш) карда шудан; **тропи́нка заросла́ траво́й** пайроҳаро алаф зер кард; **пруд зарос осо́кой** ҳавзро қиёк пахш кард // *(волосами, шерстью)* расидан, мӯй (пашм) зер кардан 2. *разг. (о ри*

не, язве) ба ҳам омадан, дуруст (беҳ, сиҳат) шудан ◇ ~ **грязью** чиркин (ифлос) шудан; **мо́хом** ~ ғули биёбон шудан

зарасти́ть *сов. что* 1. *(растительностью)* пушондан, алаф зер (пахш) кардан 2. *разг. (рану, язву)* дуруст (беҳ, сиҳат) кунондан

зара́щивать *несов. см.* **зарасти́ть**

зара́щиваться *несов. страд.* пушонда (пахш карда) шудан

зарва́ться *сов. разг. неодобр.* аз ҳад гузаштан // бисьёр пеш гузашта рафтан

зарде́||ть *сов.* 1. *(стать красным)* сурх (лолагун) шудан; **не́бо** ~**ло** осмон лолагун шуд 2. *(покрываться румянцем)* сурх шудан; **её лицо́** ~**ло** рӯи у гулгун шуд

зарде́ться *сов. см.* **зарде́ть**

зареве́ть *сов.* 1. *(о животных)* ба ғурриш даромадан, ғурридан гирифтан, ба наъракашӣ шурӯъ кардан 2. *разг. (завопить)* дод (наъра) задан, доду фарьёд кардан 3. *разг. (громко заплакать)* фиғон бардоштан, гирьяву зори кардан

за́рево *с* шафақ, партав; ~ **пожа́ра** партави сӯхтор; ~ **зака́та** шафақи шом

зарево́й, -а́я, -о́е ...и шафақ; ~ **час** вақти шафақ

зарегистри́ровать *сов. кого-что* қайд кардан, регистрация кардан; ба ҳисоб гирифтан; ~ **делега́тов** вакилонро қайд кардан; ~ **брак** қайди никоҳ кардан

зарегистри́роваться *сов.* 1. қайд (регистрация) кунондан 2. *разг.* аз қайди никоҳ гузаштан

зареде́||ть *сов.* тунук (сирак) шудан гирифтан, кам шудан; **лес** ~**л** ҷангалзор сирак шуд

заре́з *м* 1. *(убой на мясо)* куштан(и), кушиш, сар буридан(и), забҳ кардан(и) 2. *в знач. сказ. прост.* азоб, тангӣ, ҳоли табоҳ ◇ **до** ~**у** бисьёр, ниҳоят, ҷудо

заре́за||ть *сов.* 1. *кого (человека)* корд зада куштан, сар буридан // *(животное)* сар задан, сар буридан, куштан, бисмил (забҳ) кардан 2. *прост. и обл.* даррондан; **волк** ~**л овцу́** гург гусфандро даррондан 3. *кого прост.* тозонда монда кардан, тозонда аз кор баровардан; ~**ть лошаде́й** аспҳоро тозонда монда кардан 4. *кого-что перен. разг.* ночор (ноилоҷ) монондан ◇ **без ножа́** ~**ть** *кого прост.* ба балои азим гирифтор кардан; **хоть заре́жь(те)** бисьёр, ниҳоят, ҷудо

заре́заться *сов. разг.* худро корд зада куштан, худкушӣ кардан

зарезви́ться *сов.* шӯхию бозӣ сар кардан, ба шухию бозӣ даромадан

зарезерви́ровать *сов. кого-что* эҳтиёт кардан, нигоҳ доштан, захира карда мондан

зарека́ться *несов. см.* **заре́чься**

зарекомендова́ть *сов. кого-что* нишон додан; ~ **себя** худро нишон додан

зарекомендо́вывать *несов. см.* **зарекомендова́ть**

заретуши́ровать *сов. что* ретушь кардан *(суратро ислоҳ кардан)*

заре́чн||ый, -ая, -ое ...и он суи (тарафи) дарьё; ~**ые луга́** марғзорҳои он сӯи дарьё

заре́чье *с* он суи (тарафи) дарьё

заре́чься *сов.* тавба кардан, савганд ёд кардан, қасам хурдан; ~ **кури́ть** аз тамокукашӣ тавба кардан

зареше́тить *сов. что* панҷара гузоштан (кашидан)

зареше́ченн||ый, -ая, -ое панҷарадор; ~**ое око́шко** тирезаи панҷарадор

зареше́чивать *несов. см.* **зареше́тить**

заре́ять *сов.* 1. *(о птицах)* ба парвоз омадан, қанот назада паридан 2. *(о флаге и т. п.)* ба ҳилпиррозанӣ даромадан

заржаве́лый, -ая, -ое *разг.* зангзада, зангбаста

заржа́веть *сов.* занг задан, занг бастан

заржа́вить *сов. что* занг занондан; ~ **топо́р** табарро занг занондан

заржа́вленный, -ая, -ое (заржа́влен, -а, -о) зангзада, зангбаста

заржа́ть *сов.* 1. шиҳа кашидан, ба шиҳакашӣ сар кардан 2. *перен. прост.* қоҳ-қоҳ хандидан

зарисова́ть *сов.* 1. *кого-что* расм (сурат) кашидан, тасвир кардан; ~ **что́-л. с нату́ры** сурати чизеро ба худаш нигоҳ карда кашидан 2. *что разг. (заполнить рисунками)* бо расм пур кардан; ~ **весь альбо́м** тамоми альбомро бо расм пур кардан

зарисо́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **зарисова́ть**) расмкашӣ, сураткашӣ, тасвир 2. *(рисунок)* расм, сурат, шакл, лавҳа

зарисо́вывание *с см.* **зарисо́вка** 1

зарисо́вывать *несов. см.* **зарисова́ть**

зарисо́вываться *несов. страд.* тасвир карда шудан

за́риться *несов. на кого-что прост.* чашми тамаъ духтан, бо тамаъ нигоҳ кардан, ҳарисона назар кардан

зарифмова́ть *сов. что* кофия бастан, ба қофия даровардан; ~ **строку́** мисраъро ба қофия даровардан

зарифмова́ться *сов.* кофия шудан, ба қофия даромадан

зарифмо́вывать *несов. см.* **зарифмова́ть**

зарифмо́вываться *несов.* 1. *см.* **зарифмова́ться**; 2. *страд.* ба қофия даровард шудан

зарни́ца *ж* барқ, шуълаи уфуқ

заробе́ть *сов. прост.* андак тарсидан, беҷуръатӣ кардан

заровня́ть *сов. что* ҳамвор (тахт) кардан; ~ **я́му** чуқуриро [хок рехта] ҳамвор кардан

заровня́ться *сов.* ҳамвор (тахт) шудан

заро́д *м обл. (скирда)* ғарам

зароди́ть *сов.* 1. *кого уст. и прост.* зоидан 2. *что перен.* тавлид кардан, парваридан, пайдо кунондан, ба вуҷуд овардан; ~ **любо́вь к приро́де** ба табиат муҳаббат пайдо кунондан

зароди́ться *сов.* 1. *уст. и прост.* зоида (тавлид) шудан 2. *перен.* пайдо (ҳосил) шудан, ба вуҷуд омадан

заро́дыш *м* 1. ҷанин, нутфа, тухма; ~ **цыплёнка** ҷанини чуҷа 2. *перен.* ибтидо, аввал; **в** ~**е** дар аввал, дар ибтидо; **подави́ть что́-л. в** ~**е** чизеро дар ибтидояш нест кардан

заро́дышев||ый, -ая, -ое ҷанинӣ, ...и ҷанин, ...и нутфа; ~**ое состоя́ние** ҳолати ҷанинӣ

зарожда́ть *несов. см.* **зароди́ть**

зарожда́ться *несов.* 1. *см.* **зароди́ться**; 2. *страд.* ба вуҷуд оварда шудан, пайдо шудан

зарожде́ние *с (по знач. гл.* **зароди́ть**) тавлид кардан(и), тавлид; *(по знач. гл.* **зароди́ться**) пайдоиш, ба вуҷуд омадан(и); ~ **жи́зни** пайдоиши ҳаёт

зарозове́||ть *сов.* 1. *(начать розоветь)* гулобӣ (гулгун) шудан гирифтан; **не́бо** ~**ло** осмон гулобӣ шудан гирифт // *(стать розовым)* гулобӣ (гулгун) шудан 2. *(покрыться румянцем)* лолагун (сурх) шудан

заро́йться *сов.* 1. *(о пчёлах)* ба гуруҳҳо ҷудо шудан 2. *перен. (о мыслях, надеждах и т. п.)* ба ҷавлон омадан

заро́к *м* тавба, қасам; ваъда, қавл; **дать** ~ **не кури́ть** ба накашидани тамоку қавл додан

зарокота́ть *сов.* ба ғулғула (ба ғурриш) даромадан, ба гулдур-гулдур сар кардан

зарони́ть *сов. что* 1. *прост.* афтондан; ~ **письмо́ за дива́н** мактубро ба паси диван афтондан 2. *перен.* пайдо кунондан, ба вуҷуд овардан; ~ **наде́жду** тухми умед киштан; ~ **подозре́ние** шубҳа ба вуҷуд овардан ◇ ~ **и́скру (зерно́, се́мя) чего́-л.** тухми чизеро коштан

зарони́ться *сов. уст. (запечатлеться)* сахт нақш бастан, ҷой гирифтан

заропта́ть *сов.* ба шикоят (ба шиква, ба гила) сар кардан; ба ғурунг-ғурунг (ба ғиринг-ғиринг) даромадан

за́росл||ь *ж* буттазор, паттазор; ~**и жасми́на** буттазори ёсуман

зарпла́та *ж разг.* музди кор, маош, моҳона

заруба́ть *несов. см.* **заруби́ть**

заруба́ться *несов. страд.* [корд] зада кушта шудан

зарубе́жн||ый, -ая, -ое хориҷӣ; ~**ые страны** мамлакатҳои хориҷӣ; ~**ая литерату́ра** адабиёти хориҷӣ

зару́бина *ж см.* **зару́бка** 2

заруби́ть *сов.* 1. *кого* [бо шамшер] задан, корд зада куштан 2. *что (сделать зарубку)* бурида нишона мондан 3. *горн.* кандан, кушодан *(қабати болои конро)* ◇ ~ [**себе́**] **на носу́ (на лбу)**, ~ **в па́мяти** *прост.* нағзакак дар хотир доштан, ба гуш овехтан

зару́бк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **заруби́ть** 2, 3) нишонамонӣ; кандан(и); ~**а у́гля** кандани ангишт 2. нишона; **сде́лать** ~**у на стволе́ де́рева** дар танаи дарахт нишона кардан

зарубцева́||ться *сов.* ба ҳам омадан, дуруст шудан, беҳ шудан; **ра́на** ~**лась** ҷароҳат ба ҳам омад

зарубцовываться *несов. см.* **зарубцеваться**

заругать *сов. кого-что прост.* дашном додан, сарзаниш кардан

зарукавье *с уст.* 1. *(расшитый нарукавник)* остинчаи гулдузӣ 2. *(браслет)* дастбанд, бозубанд, дастпона

зарукоплескать *сов.* ба қарсакзанӣ (ба кафзанӣ) даромадан

зарумянивать(ся) *несов. см.* **зарумянить(ся)**

зарумяни||ть *сов. кого-что* сурх (гулгун) кардан; **мороз ~л щёки** сармо рухсораҳоро арғувонӣ кард // синга кардан; **~ть хлеб** нонро синга пухтан

зарумяниться *сов.* сурх (арғувонӣ, гулгун) шудан // *(слегка поджариться)* синга пухтан

заручаться *несов. см.* **заручиться**

заручиться *сов. чем* ба даст овардан; **~ поддержкой** пуштибон пайдо кардан; **~ чьим-л. согласием** ризояти касеро гирифтан

заручка *ж прост.* дастгирӣ, пуштибонӣ

зарывание *с (по знач. гл.* **зарыть)** гур кардан(и); *(по знач. гл.* **зарыться)** гур шудан(и); ғутидан(и)

зарывать *несов. см.* **зарыть**

зарываться I *несов.* 1. *см.* **зарыться**; 2. *страд.* гур карда шудан

зарываться II *несов. см.* **зарваться**

зарыдать *сов.* ба гиря даромадан, гирьяро сар додан

зарысить *сов.* ба лукка даромадан

зарыт||ь *сов. кого-что* гур кардан, гӯрондан, зери хок кардан; **~ь в землю что-л.** чизеро ба замин гурондан ◇ **~ь талант [в землю]** истеъдодро бар бод додан; **вот где (в чём) собака ~а!** ана гап дар куҷост!

зарыться *сов.* 1. гур шудан, зери хок шудан, ғутидан; **~ в песок** ба рег гур шудан; **~ лицом в подушку** рӯи худро бо болишт пушондан 2. *перен.* ғарқ шудан, ғутавар шудан; **~ в книги** ғарқи китобхонӣ шудан

зарычать *сов.* 1. ба наъракашӣ (ба ғурриш) сар кардан 2. *перен. прост.* ба аррос даромадан

зар||я *ж* 1. шафақ; **утренняя ~я** шафақи (сапедаи) субҳ; **вечерняя ~я** шафақи шом; **на ~е** дар сапедадам; **с ~ёй** саҳаргоҳон 2. *перен.* субҳ, сабоҳ; **~я свободы** субҳи озодӣ; **на ~ё новой жизни** дар сабоҳи ҳаёти нав 3. *уст. воен.* бонги шомгоҳ *(карнайкашии бегоҳӣ барои ҷамъ омадан дар казарма ва лагерьҳо)* ◇ **ни свет ни ~я** чашми руз накафида; **от ~й до ~й** аз субҳ то шом; аз шом то саҳар

зарябй||ть I *сов. что (покрыть рябью)* саҳл мавҷ занондан; **ветерок ~л воду** шаббода обро саҳл мавҷ занонд

зарябй||ть II *сов. безл. (начать рябить)* ба биҷир-биҷир сар кардан, биҷир-биҷир кардан; **у меня ~ло в глазах** пеши чашмам биҷир-биҷир кард

заряд *м* 1. заряд; **ружейный ~** заряди милтиқ 2. *(патрон, пуля и т. п.)* тир, тиру дору 3. *физ.* заряд *(миқдори қувваи электр дар ягон ҷисм)*; **электрический ~** заряди электрӣ 4. *перен. разг.* руҳия, неру, ғайрат; **~ бодрости** ғайрати тоза; **~ веселья** руҳияи хурсандӣ 5. *(по знач. гл.* **зарядить** I 3) заряддор кардан(и); **~ аккумулятора** заряддор кардани аккумулятор

зарядить I *сов.* 1. *что* тир пур (ҷой) кардан; **~ ружьё** ба милтиқ тир пур кардан; **~ пушку** ба туп тир ҷой кардан 2. *что (приготовить к действию)* пурнавор кардан; **~ фотоаппарат** фотоаппаратро пурнавор кардан 3. *что физ.* заряд додан (гузарондан), заряддор кардан; **~ электрическую батарею** ба батареяи электрӣ заряд додан 4. *кого-что перен. разг.* таъсир кардан, бахшидан; **~ весельем кого-л.** ба касе руҳияи хурсандӣ бахшидан

зарядй||ть II *сов. что или с неопр. разг.* кореро кардан гирифтан, ба коре одат карда мондан; **~ть одно и то же** ҳамон як гапро гуфтан гирифтан // *без доп. (о дожде)* боридан гирифтан; **дождь ~л с утра** аз пагоҳӣ сар карда борон боридан гирифт

зарядй||ться *сов.* 1. пуртир шудан *(оид ба аслиҳа)* 2. пурнавор шудан; **фотоаппарат ~лся** фотоаппарат пурнавор шуд 3. *физ.* заряддор шудан; **батарея ~лась** батарея заряддор шуд ◇ **~ться смелостью** ҷуръат пайдо кардан

зарядка *ж* 1. *(по знач. гл.* **зарядить** I) тир пур (ҷой) кардан(и); пурнавор кардан(и); заряддиҳӣ, заряддор кардан; *(по знач. гл.* **зарядиться)** ҷо шудан(и); тайёр шудан(и); заряддор шудан(и); **~ ружья** ба милтиқ тирпуркунӣ; **~ фотоаппарата** пурнавор кардани фотоаппарат; **~ аккумулятора** заряддор кардани аккумулятор 2. *спорт.* варзиш; **утренняя ~** варзиши пагоҳӣ

зарядный, -ая -ое ...и тир; **~ ящик** қуттии тири туп

зарядье *с ист.* паси раста

заряжание *с см.* **зарядка** I

заряжать *несов. см.* **зарядить** I

заряжаться *несов.* 1. *см.* **зарядиться**; 2. *страд.* пур карда шудан; тайёр карда шудан; заряддор карда шудан

заряженн||ый, заряжённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тир пур (ҷой) кардашуда 2. *прил.* тирдор; **~ая винтовка** милтиқи тирдор; **~ая мина** минаи тайёр

заряница *ж нар.-поэт.* шафақ

зарянка *ж см.* **малиновка**

засад||а *ж* 1. камин; **устроить ~у** камин гирифтан 2. камингоҳ; **выскочить из ~ы** аз камингоҳ ҷаста баромадан 3. каминнишастагон; **~а ударила по противнику** каминнишастагон ба душман зарба заданд

засадить *сов.* 1. *что чем* шинондан, коридан; **~ двор цветами** рӯи ҳавлиро гулзор кардан 2. *что разг.* фуру равондан, ғутондан; **~ топор в бревно** табарро ба ғулачӯб фуру равондан 3. *кого за что или с неопр.* шинонда мондан; **~ за работу** ба сари кор шинонда мондан; **~ учиться** ба дарсхонӣ шинондан 4. *кого разг.* ҳабс карда мондан, шинондан, хобондан; **~ в тюрьму** ба ҳабс хобондан

засадка *ж (по знач. гл.* **засадить** 1) шинондан(и), коридан(и)

засаднить *сов. прост.* ба сӯзиш даромадан

засадный, -ая, -ое ...и камин; ...и камингоҳ; **~ отряд** дастаи камингирифтагон

засаживание *с (по знач. гл.* **засадить)** шинондан(и), коридан(и); фуру равондан(и); хобондан(и)

засаживать *несов. см.* **засадить**

засаживаться *несов.* 1. *см.* **засесть** 1—2; 2. *страд.* шинонда (корида) шудан

засаленный, -ая, -ое 1. *прич.* равғанолуд кардашуда 2. *прил.* равғанолуд; **~ халат** ҷомаи равғанолуд

засаливание I *с (по знач. гл.* **засалить)** равғанолуд кардан(и); *(по знач. гл.* **засалиться)** равғанолуд шудан(и)

засаливание II *с (по знач. гл.* **засолить)** намак кардан(и), дар намак хобондан(и); *(по знач. гл.* **засолиться)** намак хурдан(и)

засаливать I *несов. см.* **засалить**

засаливать II *несов. см.* **засолить**

засаливаться I *несов.* 1. *см.* **засалиться**; 2. *страд.* равғанолуд карда шудан

засаливаться II *несов.* 1. *см.* **засолиться**; 2. *страд.* намак карда шудан, дар намак хобонда шудан

засалить *сов. что* равғанолуд кардан; **~ рукава** остинҳоро равғанолуд кардан

засалиться *сов.* равғанолуд шудан

засаривать *несов. см.* **засорить**

засариваться *несов.* 1. *см.* **засориться**; 2. *страд.* чиркин карда шудан

засасывание *с (по знач. гл.* **засосать** I) фурубарӣ, фурӯ бурдан(и), ба дарун кашидан(и)

засасывать *несов. см.* **засосать** I

засасываться *несов. страд.* фуру бурда шудан, ба дарун кашида шудан

засахаренн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* дар шакар хобондашуда 2. *прил.* шакаракбаста; **~ые фрукты** меваҳои шакаракбаста

засахаривание *с (по знач. гл.* **засахарить)** дар шакар хобондан(и); *(по знач. гл.* **засахариться)** шакарак бастан(и)

засахаривать *несов. см.* **засахарить**

засахариваться *несов.* 1. *см.* **засахариться**; 2. *страд.* шакарак бандонда шудан

засахарить *сов. что* шакарак бандондан, дар шакар хобондан; шакарпарвард кардан; **~ орехи** чормағзро шакарпарвард кардан

засахари||ться *сов.* шакарак бастан; **варенье ~лось** мураббо шакарак баст

засватать *сов. кого уст. прост.* хостгорӣ кардан

засватывать *несов. см.* **засватать**

засвежеть *сов. (о ветре)* шиддат кардан (ёфтан), сахттар (баландтар) шудан

засверка||ть *сов.* 1. дурахшидан ги-

рифтан, ба дурахшидан сар кардан; **на нёбе ~ли звёзды** дар осмон ситораҳо дурахшидан гирифтанд 2. *перен.* *(о глазах)* дурахшидан гирифтан ◇ **только пятки - ли** *у кого* шамол барин мепаррад

засветить I *сов. что* 1. *(зажечь)* даргирондан, равшан кардан, афрухтан; ~ **фонарь** фонусро даргирондан 2. *тж. без доп. груб. прост.* задан, торсакн задан; ~ **оплеуху** торсакии обдор задан, ба баногуш задан

засветить II *сов. что фото* рушноӣ занонда вайрон кардан *(наворро)*

засвети||ть III *сов. (начать светить)* ба нурпошӣ сар кардан; **ярко ~ло солнце** офтоб ба нурпошӣ сар кард

засветиться I *сов. фото* рушноӣ зада вайрон шудан *(оид ба навор)*

засвети||ться II *сов.* 1. дурахшидан гирифтан; **её глаза ~лись радостью** чашмони вай аз хурсандӣ дурахшиданд 2. ба даргирифтан сар кардан, фурузон шудан, тобидан; **в окнах ~лись огоньки** дар паси тирезаҳо чароғҳо даргирифтанд 3. *перен.* пайдо шудан, падид омадан

засветле||ть *сов.* 1. *(начать светлеть; стать светлым)* равшан шудан; **нёбо ~ло** осмон равшан шуд 2. *(показаться — о светлом)* дурахшидан

засветло *нареч. разг.* то торик шудан, то равшан будан

засвечивать *несов. см.* **засветить** II

засвечиваться *несов.* 1. *см.* **засветиться** I; 2. *страд.* рушноӣ занонда вайрон карда шудан

засвидетельствовать *сов. что* шаҳодат додан, тасдиқ кардан; **это могут ~ все** хама ба ин шаҳодат дода метавонанд // *(подписью, печатью)* тасдиқ кардан; ~ **копию** нусхаро тасдиқ кардан ◇ ~ **почтение** *кому уст.* изҳори ҳурмат кардан

засвистать *сов. прост. см.* **засвистеть**

засвистеть *сов.* ба ҳуштакзании сар кардан, ҳуштак кашидан; чах-чаҳ задан

засёв *м (по знач. гл.* **засеять)** коштан(и), коридан(и)

засевание *с см.* **засёв**

засевать *несов. см.* **засеять**

засеваться *несов. страд.* корида (кошта) шудан, кишт карда шудан

заседание *с* маҷлис; ~ **Верховного Совета** маҷлиси Совети Олӣ; **открытое ~** маҷлиси кушода; **закрытое ~** маҷлиси пушида; **назначить ~** маҷлис таъин кардан

заседатель *м* мушовир *(намояндаи интихобшуда дар ягон идора дар Россияи пешазреволюционӣ)*; **дворянский ~** мушовири дворянҳо; **присяжный ~** мушовири суд *(шахси аз аҳолӣ интихобшаванда барои ҳукм баровардан)* ◇ **народный ~** машваратчии халқ

заседательск||ий, -ая, -ое 1. ...и мушовир, ...и машваратчи; **~ие обязанности** вазифаҳои мушовир 2. ...и маҷлис; **~ая суета (шумиха)** *разг.* маҷлисбозӣ

заседа||ть I *несов.* 1. маҷлис кардан (гузарондан); **когда будет ~ть правление колхоза?** правленияи колхоз кай маҷлис мекунад? 2. *(участвовать в заседании)* дар маҷлис иштирок кардан

заседать II *несов. см.* **засесть** 5

заседлать *сов. кого разг.* зин кардан (задан)

засёдлывать *несов. см.* **заседлать**

засеивание *с см.* **засёв**

засеивать(ся) *несов. см.* **засевать(ся)**

засека *ж (преграда из срубленных деревьев)* тавора, ғавбаст

засекание I *с (по знач. гл.* **засечь** I) нишона (қайд, таъин) кардан(и)

засекание II *с (по знач. гл.* **засечь** II) қамчинкорӣ карда куштан(и)

засекать I, II *несов. см.* **засечь** I, II

засекаться I *несов.* 1. *см.* **засечься**; 2. *страд.* нишона карда шудан; қайд (таъин) карда шудан

засекаться II *несов. страд.* қамчинкорӣ карда кушта шудан

засекретить *сов.* 1. *что* махфӣ доштан, махфӣ кардан, махфӣ роҳӣ кардан; ~ **документы** ҳуҷҷатҳоро махфӣ доштан 2. *кого разг.* ба корҳои махфӣ мондан (таъин кардан); ~ **работника** кормандро ба корҳои махфӣ мондан; ба корманд имконияти истифодаи ҳуҷҷатҳои махфиро додан

засекречивать *несов. см.* **засекретить**

засекречиваться *несов. страд.* махфӣ карда шудан; ба корҳои махфӣ монда (роҳ дода) шудан

заселени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **заселить)** одам шинондан(и), обод кардан(и); *(по знач. гл.* **заселиться)** маскуншавӣ; обод шудан(и) 2. маҳалли маскун, ободӣ, ободонӣ

заселённость *ж* маскунӣ, одамнишинӣ, ободонӣ; **неравномерная ~ территории** ғайри мутаносиб маскун шудани мавзеъ

заселённый, -ая, -ое 1. *прич.* маскун кардашуда; обод кардашуда 2. *прил.* маскун, сераҳолӣ, обод; ~ **край** кишвари сераҳолӣ

заселить *сов. что* 1. одам шинондан, маскун кардан; ~ **новый дом** ба хонаи нав одам шинондан 2. сокин шудан, обод кардан; ~ **целину** заминҳои навкушодаро обод кардан

засели||ться *сов.* маскун (обод) шудан; **край ~лся** кишвар маскун (обод) гашт

заселять *несов. см.* **заселить**

заселяться *несов.* 1. *см.* **заселиться**; 2. *страд.* маскун (обод) карда шудан

засеменить *сов. разг.* майда-майда қадам партофтан

засеребри||ть *сов. что* нуқратоб кардан, нуқра барин кардан; **седина ~ла волосы** мӯй нуқратоб шуд

засеребри||ться *сов.* 1. *(стать серебристым)* нуқратоб шудан; **волосы ~лись на висках** мӯи чаккаҳо нуқратоб шуданд 2. *(показаться — о серебристом)* нуқрафом тофтан; **вдали ~лась река** аз дур дарьё нуқравор тофт

засере||ть *сов. разг.* 1. *(начать серетъ)* хира шудан гирифтан // *(стать серым)* тира (хира) шудан; **нёбо ~ло** осмон тира шуд 2. *(показаться — о сером)* хокистарранг тофтан, симобиранг намудан; **вдали что-то ~ло** аз дур чизе симобиранг намуд

засереться *сов. разг. см.* **засереть**

засесть *сов. разг.* 1. *за что* нишастан; ~ **за стол** ба сари миз нишастан 2. *за что или с неопр.* бо ҷидду ҷаҳд машғул шудан (сар кардан); ~ **за учебники** бо ҷидду ҷаҳд машғули мутолиаи китобҳои дарсӣ шудан 3. дар як ҷо бисьёр нишаста мондан; ~ **дома** дар хона нишаста мондан 4. *(притаиться)* руст (ҷоғо, пинҳон) шудан 5. даромада мондан; **пуля засела в кости** тир ба устухон даромада монд // *перен.* маҳкам ҷой гирифтан; **у него в голове засела одна мысль** як фикр дар майнаи у маҳкам ҷой гирифт

засечка *ж* 1. нишона 2. *(рана на ноге у лошади)* пуштак *(ҷароҳати пои асп, захм)*

засечн||ый, -ая, -ое ғавӣ, ... и ғав; **~ая черта** *воен.* хатти мудофиаи нишонадор, ғавбаст

засечь I *сов. кого-что* 1. нишона (ишора) мондан; ~ **дерево** ба дарахт ишора мондан 2. муайян (қайд) кардан; ~ **огневые точки противника** нуқтаҳои оташфишонии душманро муайян кардан 3. *рыб.* шастро якбора кашидан 4. *(поранить ногу — о лошади)* пуштак кардан ◇ ~ **время** вақтро қайд (муайян) кардан

засечь II *сов. кого (избить до смерти)* қамчинкорӣ карда куштан

засечься *сов. (поранить ногу — лошади)* пуштак шудан

засея||ть *сов. что* 1. коштан, коридан, кишт кардан, тухм пошидан; **~ть пшеницу** гандум коштан 2. *перен. разг.* пур кардан, фаро гирифтан; **звёзды ~ли всё нёбо** осмон ситоразор шудааст

засиде||ть *сов. что разг.* ифлос (чиркин) кардан; **мухи ~ли картину** магасҳо суратро ифлос карданд

засидеться *сов. разг.* нишаста мондан, дуру дароз нишастан; ~ **за работой до утра** то руз дар болои кор нишаста мондан // *перен.* дар як ҷо бисьёр мондан (зистан); ~ **в деревне** дар деҳа бисьёр мондан ◇ ~ **в девках (в девицах, в невестах)** *прост.* шуй накарда мондан, пирдухтар шудан

засиживать *несов. см.* **засидеть**

засиживаться I *несов. см.* **засидеться**

засиживаться II *несов. страд.* ифлос карда шудан

засилосовать *сов. что с.-х.* силос [тайёр] кардан, силос хобондан; ~ **ботву свёклы** барги лаблабуро силос кардан

засилье *с* зӯроварӣ, фишор

засим *нареч. уст.* пасон, сипас

засине||ть *сов.* 1. *(стать синим)*

кабуд шудан 2. *(показаться — о синем)* кабуд (кабудча, нилгун) тофтан; **вдали ~ло море** аз дур баҳр кабуд тофт

засинеться *сов. см.* **засинеть**

засинивать *несов. см.* **засинить**

засиниваться *несов. страд.* кабуд карда шудан; каб-кабуд карда шудан

засинить *сов. что (окрасить в синий цвет)* кабуд кардан, ранги кабуд молидан // *разг. (чрезмерно подсинить)* каб-кабуд кардан, аз ҳад зиёд синька задан; ~ **бельё** ба ҷомашуӣ аз ҳад зиёд синька задан

засиниться *сов. (окраситься в синий цвет)* кабуд шудан // *разг. (чрезмерно подсиниться)* каб-кабуд шудан

засия||ть *сов.* 1. равшан шудан, дурахшидан гирифтан, тофтан, шуълавар шудан; **на небе ~л месяц** моҳ дар осмон дурахшид // *перен.* дурахшидан гирифтан; **её глаза ~ли счастьем** чашмонаш аз хушбахтӣ дурахшиданд // *перен.* кушода шудан, ба гул-гул шукуфтан сар кардан; **~ть гордостью** аз ифтихормандӣ ба гул-гул шукуфтан сар кардан 2. дурахшидан, нур гирифтан, пурнур шудан, тобидан; **дом ~л огнями** хона аз чароғҳо пурнур шуд

заскакать *сов. разг.* ҷастухез сар кардан, ба ҷаҳиш даромадан

заскакивать *несов. см.* **заскочить**

заскандалить *сов. разг.* ҷанҷол (моҷаро) сар кардан, ҷанҷол (арбада) бардоштан

засквозй||ть *сов.* 1. намудор (намоён) шудан; **сквозь ветви деревьев ~ло небо** аз байни шохҳои дарахтон осмон намудор шуд 2. *безл. разг.* шамол даромадан, бодғар шудан; **в комнате ~ло** дар хона шамол даромад (бодғар шуд)

заскирдовать *сов. что* ғарам (хирман) кардан; ~ **хлеб** ғалларо ғарам кардан

заскок *м разг. прям., перен.* қилиқ, рафтори аҷиб

заскользй||ть *сов.* 1. лағжидан, ғеҷидан, лағжида рафтан; **~ть по льду** дар болои ях лағжидан 2. шино карда рафтан; **яхта ~ла по поверхности воды** яхта (завраҷи бодбондор) руй-руи об шино карда рафт 3. *(о лучах, свете и т. п.)* гузаштан, лағжида гузаштан

заскорузлость *ж* шахшулӣ, дағалӣ // *перен.* қафомонӣ, ақибмонӣ, пасмонӣ

заскорузл||ый, -ая, -ое шахшул, дағал; **~ые пальцы** ангуштони шахшул // *перен. (отсталый, закоснелый)* қафомонда, ақибмонда

заскорузнуть *сов.* шахшул (дағал) шудан // *перен. (устареть, закоснеть)* қафо (ақиб) мондан; кӯҳна шудан

заскочить *сов.* 1. *разг.* тозон ворид шудан, тохта (давида) даромадан; ~ **в дом** тозон ба хона даромадан 2. *разг. (о механизме)* аз кор мондан, вайрон шудан, аз ҷои худ баромадан 3. як сари қадам даромадан (сар халондан); ~ **к приятелю на минутку** ба пеши рафиқ як сари қадам сар халондан

заскрежетать *сов.* ғиҷиррос задан гирифтан; ғиҷиррос занондан; ~ **зубами** дандонҳоро ғиҷиррос занондан, дандон хоидан, дандон ба ҳам совидан

заскре||стй *сов.* ба тарошидан (ба харошидан, ба ханҷол кардан) сар кардан; **заступы ~бли о твёрдую землю** белҳои оҳанин ба харошидани замини сахт сар карданд ◇ **кошки ~бли на душе (на сердце)** *у кого* дил ғаш кард, диламро гургон тала мекарданд

заскрестись *сов.* қитир-қитир кардан [гирифтан], ба харошидан даромадан

заскрипе||ть *сов.* ба ғиҷир-ғиҷир даромадан, ғарч-ғарч кардан; **дверь ~ла** дар ғиҷир-ғиҷир кард; **снег ~л под ногами** барф дар таги пой ғарч-ғарч кард // *чем* ғиҷиррос занондан; **~ть зубами** дандонҳоро ғиҷиррос занондан, дандон хоидан; **~ть пером** *разг.* ба навиштан сар кардан // *перен. разг.* ғишинг-ғишинг ба гап даромадан

заскулить *сов. разг. (о животном)* ба уллос даромадан, уллос кашидан; *(о человеке)* ба нола (нолиш) даромадан

заскучать *сов. разг.* зиқ (дилтанг, пазмон) шудан, хафа мондан

заслать *сов. кого-что* 1. дур фиристода мондан; ~ **письмо не по адресу** мактубро ба адреси дигар фиристодан 2. фиристодан; ~ **сватов** хостгор фиристодан

заследить *сов. что* [роҳ гашта] ифлос (чиркин) кардан; ~ **пол** фаршро чиркин кардан

заслеживать *несов. см.* **заследить**

заслеживаться *несов. страд.* ифлос карда шудан

заслезиться *сов.* ашколуд шудан

заслепи||ть *сов. что прост.* чашмро бурдан; **снег ~л глаза** барф чашмро бурд; **пылью ~ло глаза** *безл.* чанг чашмро кур кард

заслеплять *несов. см.* **заслепить**

заслон *м* 1. *(преграда, прикрытие)* монеа, сад(д), ғав, сипардевор 2. *воен.* заслон *(отряди аскарон, ки барои аз душман панаҳ кардани амалиёти ҳарбӣ таъин мешавад)*; **выслать** ~ заслон фиристодан 3. *см.* **заслонка**

заслони||ть *сов. кого-что* 1. пушондан, пушидан, панаҳ кардан, пеши *чизеро* гирифтан; **туча ~ла солнце** абр пеши офтобро гирифт; **~ть лицо от солнца** руйро аз офтоб панаҳ кардан 2. *перен.* аз байн бурдан; **увлечение музыкой ~ло все её интересы** шавқи мусиқӣ ҳама майлу рағбатҳои уро аз байн бурд

заслониться *сов.* худро панаҳ кардан; ~ **от удара** аз зарба худро панаҳ кардан

заслонка *ж* 1. *(в печи)* сарпуш *(барои пушидани даҳони печка)* 2. *тех.* сарпӯш; ~ **бункера** сарпуши бункер 3. *(щит в шлюзах)* дари дорғот

заслоночный, -ая, -ое ...и сарпуш

заслонять *несов. см.* **заслонить**

заслоняться I *несов.* 1. *см.* **заслониться**; 2. *страд.* пушида шудан, пинҳон (панаҳ) карда шудан

заслоняться II *сов. (начать слоняться)* бекор гаштан гирифтан

заслуг||а *ж* хизмати шоиста, хизмат; **~и перед наукой** хизматҳои шоистаи илмӣ; **это целиком твоя ~а** ин комилан хизмати туст ◇ **по ~ам** сазовор(она), ҳаққонӣ, аз руи хизмат; **работника наградили по ~ам** коркунро аз руи хизматаш мукофотониданд; **он наказан по ~ам** вай ҷазои ҳаққонӣ дид

заслуженно *нареч.* сазоворона, ҳаққонӣ; **он ~ понёс наказание** вай ҳаққонӣ ҷазо гирифт

заслуженн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* сазоворшуда 2. *прил. (справедливый)* ҳаққонӣ, барҳақ, муносиб; **~ая похвала** таърифи ҳаққонӣ 3. *прил.* хизматкарда, шоиста; **~ый учёный** олими хизматкарда 4. *(в составе почётного звания)* хизматнишондода; **~ый артист республики** артисти хизматнишондодаи республика; **~ый деятель науки** ходими хизматнишондодаи илм 5. *перен. шутл.* қадрдор, бақадр, олиқадр

заслуживать *несов.* 1. *см.* **заслужить** 1; 2. лоиқи (сазовори) чизе будан; ~ **внимания** лоиқи таваҷҷуҳ будан

заслужить *сов.* 1. *что* сазовори чизе шудан; ба чизе арзидан; ~ **награду** ба мукофот сазовор шудан; ~ **доверие** сазовори эътимод шудан 2. *что разг. (заработать, выслужить)* хизмат карда гирифтан (ба даст даровардан) 3. *уст. прост. (отплатить)* хизмат кардан

заслушание *с см.* **заслушивание**

заслушать *сов. кого что* шунидан, гуш кардан; ~ **судебный приговор** ҳукми судро шунидан

заслушаться *сов. чем и без доп.* шунида мафтун шудан, бо шавқи тамом гӯш кардан; ~ **пением** сурудро бо шавқи тамом гуш кардан

заслушивание *с (по знач. гл.* **заслушать)** шунидан(и), гуш кардан(и)

заслушивать *несов. см.* **заслушать**

заслушиваться *несов.* 1. *см.* **заслушаться**; 2. *страд.* шунида шудан, гуш карда шудан

заслышать *сов. что* 1. шунидан; ~ **знакомый голос** овози шиносро шунидан 2. *разг.* хабардор (огоҳ) шудан, шунидан, хабар ёфтан; ~ **о чьём-л. приезде** хабари омадани касеро шунидан, аз омадани касе хабардор шудан 3. *разг.* ҳис кардан, пай бурдан; ~ **запах** буй ҳис кардан

заслышаться *сов. разг.* шунида шудан, ба гуш расидан

заслюнивать *несов. см.* **заслюнить**

заслюниваться *несов.* 1. *см.* **заслюниться**; 2. *страд.* бо обн даҳон тар карда шудан

заслюни́ть *сов. что прост.* бо оби даҳон тар кардан, луоболуд кардан

заслюни́ться *сов. прост.* бо оби даҳан тар шудан, луоболуд шудан

заслюнявить(ся) *сов. см.* **заслюни́ть(ся)**

засма́ливание *с* (*по знач. гл.* **засмоли́ть**) қатронмолӣ, қатрон молидан(и)

засмаливать *несов. см.* **засмолить**

засмаливаться *несов. страд.* қатрон молида шудан

засматривание *с* (*по знач. гл.* **засма́тривать**) пинҳонӣ (кунҷковона) нигоҳ кардан(и), дуздида нигоҳ кардан(и)

засматривать *несов. разг.* пинҳонӣ (кунҷковона) нигоҳ кардан, дуздида нигаристан; ~ **в о́кна** аз тиреза пинҳонӣ нигоҳ кардан ◇ ~ **в глаза́ (в лицо́) кому́-л.** чашм ба руи касе духтан

засма́триваться *несов.* 1. *см.* **засмотре́ться**; 2. *на кого-что разг.* бо назари ҳасад нигоҳ кардан; бо назари харидорӣ нигоҳ кардан

засме́ивать *несов. см.* **засмея́ть**

засмея́ть *сов. кого-что разг.* мазоҳ кардан

засмея́ться *сов.* хандидан гирифтан, ханда кардан

засмоли́ть *сов. что* 1. қатрон молидан (рехтан); ~ **верёвку** ба арғамчин қатрон молидан; ~ **ло́дку** ба қаиқ қатрон молидан 2. *разг.* қатрон резондан, қатронолуд кардан; ~ **ру́ки** дастро қатронолуд кардан

засмо́лка *ж см.* **засма́ливание**

засморка́ть *сов. что прост.* бинӣ афшонда фисолуд кардан

засморка́ться *сов. прост.* ба биниафшонӣ сар кардан

засмотреться *сов. на кого-что и без доп.* чашм духта мондан, ғарқи тамошо шудан; ~ **на мо́ре** ғарқи тамошои баҳр шудан

засмущаться *сов. разг.* хиҷолат (изо) кашидан, дар хиҷолат мондан; ҳаё кардан, шарм доштан, хиҷил шудан

заснежён||ный, -ая, -ое (заснеж|ён, -ена́, -ено), **заснéженн||ый**, -ая, -ое (заснéжен, -а, -о) барфпуш, барфолуд, барфин; ~ые **деревья** дарахтони барфпуш

заснимать *несов. см.* **заснять**

заснова́||ть *сов. разг.* ба давутоз даромадан; тез рафтуомад кардан; **по шоссе́** ~ли **маши́ны** дар шоссе мошинҳо тез рафтуомад мекарданд

засну́ть *сов.* 1. хобидан, ба хоб рафтан 2. *прост.* (*о рыбе*) аз нафасгирӣ мондан ◇ ~ **ве́чным (после́дним) сном** *книжн.* чашм аз ҷаҳон пушидан

засня́ть *сов. кого-что* ба навор гирифтан, акс бардоштан, сурат гирифтан

засо́в *м* ғалақаи дар, фардарӣ; **закры́ть дверь на** ~ ғалақаи дарро гузарондан

засовеститься *сов. прост.* хиҷолат (изо) кашидан, ба маломати виҷдон мондан

засовывать *несов. см.* **засу́нуть**

засовываться *несов. страд.* андохта (тиққонда) шудан, ҷой карда шудан

засо́л *м* 1. (*по знач. гл.* **засоли́ть**) намаккунӣ, намак кардан(и), дар намак хобондан(и); **огурцы для** ~а бодиринг барои намаккунӣ 2.: **огурцы́ сла́бого** ~а бодиринги камнамак; **кре́пкий** ~ шур, сернамак, намакаш баланд 3. (*то, что засолено*) чизи намак кардашуда

засоле́ние *с* (*по знач. гл.* **засолиться**) шуршавӣ ◇ ~ **по́чвы** шуршавии замин (хок)

засолённ||ый, -ая, -ое 1. (*о почве*) шур, шура; ~ые **зе́мли** заминҳои шура 2. *разг.* (*солёный*) намакин, сернамак

засоли́ть *сов. что* намак кардан, дар намак хобондан

засоли́ться *сов.* бонамак (намакин) шудан

засо́лка *ж разг. см.* **засо́л** 1

засо́лочн||ый, -ая, -ое ...и намаккунӣ, ...и намакхобонӣ; ~ые **бо́чки** бочкаҳои намаккунӣ

засо́льный, -ая, -ое намаккунанда, ...и намаккунӣ; ~ **цех** цехи намаккунӣ

засо́льщик намаккунанда

засо́льщица *женск. к* **засольщик**

засоля́ться *несов.* 1. *см.* **засоли́ться**; 2. *страд.* намак карда шудан

засопе́ть *сов. разг.* фишшос задан

засоре́ние *с* (*по знач. гл.* **засори́ть**) чиркин (ифлос) кардан(и); зарар расондан(и); зер кардан(и); вайрон кардан(и); (*по знач. гл.* **засори́ться**) чиркин (ифлос) шудан(и); ~ **поле́й сорня́ками** саҳроро зер кардани алафи бегона; ~ **водоёмов** ифлос шудани ҳавзҳо ◇ ~ **желу́дка** вайроншавии меъда

засорённость *ж* чиркин (ифлос, касиф) будан(и), ифлосӣ, касифӣ; ~ **зерна** ифлос будани ғалла

засорён||ный, -ая, -ое 1. *прич.* чиркин (ифлос) кардашуда 2. *прил.* чиркин, касиф, ифлос; ~ое **зерно** ғаллаи ифлос (алафзеркарда); ~ые **посе́вы** киштзори алафзеркарда

засори́тель *м с.-х.* алафи бегона

засори́ть *сов. что* 1. чиркин (ифлос, касиф) кардан; ~ **двор** саҳни ҳавлиро ифлос кардан; ~ **водоём** оби ҳавзро чиркин кардан 2. зарар расондан; **он засори́л глаза́** ба чашмаш ғубор даромад // (*о сорняках*) зер (пахш) кардан // *перен.* вайрон кардан; олуда кардан ◇ ~ **желу́док** меъдаро вайрон кардан

засори́||ться *сов.* чиркин (ифлос, касиф) шудан; **водопрово́дные тру́бы** ~лись қубурҳои водопроводро лойқа гирифт

засорять *несов. см.* **засори́ть**

засоря́ться *несов.* 1. *см.* **засори́ться**; 2. *страд.* чиркин (ифлос) карда шудан; зер карда шудан; вайрон карда шудан

засо́с *м* (*по знач. гл.* **засоса́ть** I) фуру кашидан(и)

засоса́||ть I *сов. кого-что* фуру кашидан; **болото** ~ло **лося** ботлоқ гавазнро фуру кашид // *перен.* ба худ кашидан; **его** ~ла **мещанская среда́** уро муҳити мещанӣ фуру кашид

засоса́ть II *сов. разг.* (*начать сосать*) ба макидан сар кардан

засо́хлый, -ая, -ое *уст.* хушкида; қоқида

засо́х||нуть *сов.* 1. хушкидан, хушк (қоқ) шудан; **грязь** ~ла лой хушк шуд; **хлеб засо́х** оби нон гурехт; нон қоқ шуд 2. пажмурда шудан, хушкидан; **цветы** ~ли гулҳо хушкиданд 3. *перен. прост.* коҳидан; лоғар шудан, харобу адо шудан

заспанн||ый, -ая, -ое *разг.* хоболуд, аз хоб варамида; ~ое **лицо́** руи аз хоб варамида; ~ые **глаза́** чашмони хоболуд

заспа́ть *сов. прост.* 1. *что* (*забыть во сне*) хобида фаромуш кардан, зиёд хобидан 2.: ~ **ребёнка** кудакро хобу хоболуд нохост зер кардан 3. *что* варам кунондан; ~ **лицо́** руи худро аз хоб варам кунондан

заспа́ться *сов. разг.* хоб карда мондан

заспеши́ть *сов. разг.* шитофтан, шитоб кардан; саросема шудан

заспиртова́ть *сов. кого-что* ба спирт хобондан

заспирто́вывать *несов. см.* **заспиртова́ть**

заспирто́вываться *несов. страд.* ба спирт хобонда шудан

заспо́рить *сов.* ба баҳсу мунозира даромадан, саргарми мубоҳиса шудан

заспо́риться *сов. разг.* ба баҳсу мунозира даромада рафтан

заспори́ться *сов. разг.* омад кардан, пеш рафтан

засрами́ть *сов. кого прост.* шармандa (шармсор, беобру) кардан, дар хиҷолат монондан, изо кашондан

заста́ва *ж* 1. *ист.* дарвозаи шаҳр; посбонгоҳ; қаровулхона 2. *уст.* (*шлагбаум*) ғави роҳ 3. застава; **пограни́чная** ~ заставаи сарҳаддӣ // (*отряд*) дастаи посбоникунанда

застава́ть *несов. см.* **застать**

заставить I *сов. что* 1. пур кардан; ~ **ко́мнату ме́белью** хонаро бо мебель пур кардан 2. банд кардан; ~ **дверь шкафом** пеши дарро бо ҷевон банд кардан

заста́вить II *сов. кого и с неопр.* маҷбур (водор) кардан, водоштан; ~ **ждать** интизорӣ кашондан, мунтазир кардан

заста́виться *сов.* худро иҳота кардан; ~ **ши́рмой** худро дар паси парда панаҳ кардан

заставка I *ж полигр.* шероза, зинату оронш (*дар аввали бобу фаслҳои китоб*)

заста́вка II *ж* (*переносная загородка, щиток*) таворачаи (тахтапардаи) қобили интиқол // (*на водяной мельнице*) банд, тароқ (*тахтае, ки бо он пеши оби осиёбро мебанданд*)

заставлять I, II *несов. см.* **заста́вить** I, II

заставляться *несов.* 1. *см.* **заста́виться**; 2. *страд.* пур карда шудан; банд (танба) карда шудан

заставиный, -ая, -ое ...и посбонгоҳ, ...и застава; ~ **караул** қаровули застава

заставаться *несов. см.* **застояться**

застаревать *несов. см.* **застареть**

застарелость *ж* куҳнагӣ, куҳна будан(и)

застарел||ый, -ая, -ое кухна, бедаво; ~**ая болезнь** дарди бедаво (музмин, куҳна); ~**ая привычка** одати куҳна (пешина)

застаре||ть *сов. разг.* куҳна шудан; **мозоли на руках** ~**ли, стали твёрдыми** обилаи даст куҳна шуда, шах шуда монд

заста||ть *сов. кого-что* ёфтан, пайдо кардан; **я** ~**л товарища дома** ман рафиқамро аз хонаааш ёфтам; **мы** ~**ли его за завтраком** мо уро вақти наҳорӣ хурданаш пайдо кардем; ~**ть врасплох** дар ғафлат ёфтан, ғофилгир кардан; ~**ть на месте преступления** дар болои ҷиноят доштан

застёгивать *несов. см.* **застегнуть**

застёгиваться *несов.* 1. *см.* **застегнуться**; 2. *страд.* гузаронда шудан

застегнуть *сов. что* гузарондан; ~ **пальто** тугмаи пальторо гузарондан

застегну||ться *сов.* 1. тугмаҳои либоси худро гузарондан; ~**ться на все пуговицы** ҳамаи тугмаҳоро гузарондан 2. гузаронда шудан; **все пуговицы** ~**лись** ҳамаи тугмаҳо гузаронда шуданд

застёжка *ж* камарча, чангча, сагаки тасма, бандак

застекление *с* (*по знач. гл.* **застеклить**) оинабандӣ, оинабандӣ (шишабандӣ) кардан(и), шишашинонӣ

застеклить *сов. что* оинабандӣ (шишабандӣ) кардан, шиша шинондан; ~ **веранду** пешайвонро оинабандӣ кардан

застеклять *несов. см.* **застеклить**

застекляться *несов. страд.* оинабандӣ (шишабандӣ) карда шудан

застелить *сов. см.* **застлать** I

застенографировать *сов. что* стенография кардан, бо хати стенографӣ навиштан; ~ **доклад** маърузаро стенография кардан

застенок *м* шиканҷагоҳ, зиндон

застенчиво *нареч.* шармгинона, хиҷолатмандона

застенчивость *ж* шармгинӣ, шарминӣ, боҳаёӣ

застенчивый, -ая, -ое (застенчив, -а, -о) шармгин, шармин, боҳаё, бошарму хаё

застесняться *сов.* шарм доштан, хиҷолат (изо) кашидан, ҳаё кардан

застигать *несов. см.* **застичь** *и* **застигнуть**

застигаться *несов. страд.* ногаҳон ёфта шудан

застигнуть *сов. см.* **застичь**

застил *м* (*по знач. гл.* **застлать** I) фарш кардан(и); ~ **мостовой** фарш кардани роҳ

застилание *с* (*по знач. гл.* **застлать**) паҳн кардан(и); фарш кардан(и); (*по знач. гл.* **застлаться**) пушида шудан(и), фаро гирифта шудан(и)

застилать *несов. см.* **застлать**

застилаться *несов.* 1. *см.* **застлаться**; 2. *страд.* паҳн карда шудан; фарш карда шудан; фаро гирифта шудан, пушонда шудан

застилка *ж см.* **застил**

застирать *сов. что* 1. (*замыть*) шустан, шуста равондан 2. (*испортить стиркой*) бад (ганда) шустан, шуста-шуста фит кардан; ~ **бельё** либосро обшуста кардан

застирывать *несов. см.* **застирать**

застирываться *несов. страд.* шуста шудан

застить *несов. что и без доп. прост.* панаҳ (соя) кардан

засти||чь *сов. кого* вохурдан, ногаҳон ёфтан, ғофилгир кардан, нохост дар болои коре доштан; **гроза** ~**гла нас в пути** раъду барқ моро дар роҳ дарьёфт; ~**чь врасплох** дар ғафлат ёфтан

застла||ть *сов. что* 1. паҳн (фарш) кардан, пушондан, густурдан; ~**ть кровать** ба руи кат ҷойпуш андохтан 2. фаро гирифтан, панаҳ кардан, пушондан; **пыль** ~**ла горизонт** чангу ғубор уфуқро фаро гирифт; **глаза** ~**ло слезами** *безл.* чашм пурашк шуд

застлаться *сов.* пушонда шудан, фаро гирифта шудан

застоговать *сов. что* ғарам кардан; ~ **солому** пахолро ғарам кардан

застой *м* беҳаракатӣ, шах шуда мондан(и); бозистодан // *перен.* таназзул, завол, касодӣ, сукут; ~ **в экономике** таназзули иқтисодиёт; ~ **в делах** касодии корҳо

застойн||ый, -ая, -ое бозистода, гандида; ~**ое озеро** кули обаш гандида

застолбить *сов. что разг.* сутун шинондан, каторак задан; ~ **участок огорода** ба гирди полиз қаторак задан

застольн||ый, -ая, -ое дастархонӣ, ...и дастархон; ~**ая беседа** суҳбати сари дастархон; ~**ая песня** суруди базмӣ (туёна) // *в знач. сущ.* **застольная** *ж* суруди сари дастархон

застонать *сов.* ба нолиш даромадан, оҳу вох (нолиш, нола) кардан

застопоривать *несов. см.* **застопорить**

звер||ь *м* 1. ҳайвони ваҳшӣ, дарранда 2. *перен.* одами ваҳшӣ, одами ҳайвонсифат; **смотре́ть ~ем** ваҳшиёна нигоҳ кардан ◇ **кра́сный ~ь** *уст. охот.* сайди қиматбаҳо; **как за́гнанный ~ь** тарсону ҳаросон

зверь||ё *с собир. разг.* ҳайвоноти ваҳшӣ, даррандагон; **в лесу́ развело́сь мно́го ~я́** дар беша ҳайвоноти ваҳшӣ бисьёр шудааст

зверю́га *м, ж прост. см.* **зверь**

зверю́шка *ж см.* **зверу́шка**

звон *м* 1. садои занг, ҷиринг-ҷиринг, ҷарангос; **~ бубенцо́в** ҷиринг-ҷиринги зангулачаҳо; **~ бока́лов** ҷарангоси қадаҳҳо ‖ *(гул)* ғуввос; **~ комаро́в** ғуввоси хомушак 2. *перен. прост.* *(сплетни, толки)* ғайбат, овоза; **слы́шал ~, да не зна́ет, где он** *посл.* ≈ ман аз осиё омадаму ту дул холӣ мегуӣ ◇ **мали́новый ~** садои хушоҳанги зангулаву зангӯлачаҳо; **зада́ть ~у** *кому прост.* ҷазо додан, сарзаниш кардан

звона́рь *м* 1. *церк.* зангуланавоз, зангзананда, ноқӯсзананда 2. *перен. груб. прост.* суханчин, хабаркаш, ғайбатчӣ

звони́||ть *несов.* 1. занг (зангӯла) задан, ноқӯс задан; **~ть в ко́локол** ноқӯс задан ‖ *(издавать звон)* занг задан, ҷарангос задан; **~т телефо́н** телефон занг мезанад ‖ *(подавать сигнал)* хабар додан, занг задан 2. *перен. прост.* суханчинӣ (хабаркашӣ, ғайбат) кардан, овоза паҳн кардан; **~ть по всему́ го́роду** ба тамоми шаҳр овоза паҳн кардан 3. ба телефон чеғ задан, телефон кардан; **~ть на рабо́ту** ба ҷои кор телефон кардан ◇ **~ть во все колокола́** *прост.* ҷор андохтан, овоза паҳн кардан

звони́ться *несов. прост.* занг задан

зво́нк||ий, -ая, -ое (зво́н|ок, -ка́, -ко) 1. ҷарангдор, марғӯладор, таниндор, ҷарангосӣ; **~ий го́лос** овози ҷарангосӣ (борик); **~ая пе́сня** суруди ҷарангдор; **~ие стру́ны** торҳои ҷарангосӣ 2. *перен.* хушоҳанг, гушнавоз, форам; **~ое и́мя** номи хушоҳанг ◇ **~ая моне́та** танга, пули сикка; **~ий согла́сный** *лингв.* ҳамсадои ҷарангдор; **~ая фра́за** сухани дабдабанок

зво́нко *нареч.* ба садои баланд, баланд-баланд; **~ смея́ться** баланд-баланд хандидан; **дождь ~ стуча́л по кры́ше** борон шатар-шатар ба бом мезад

звонко́вый, -ая, -ое ...и занг

звонкоголо́со *нареч.* бо овози баланд; ҷарангосӣ; **~ запе́ть** бо овози баланд суруд хондан

звонкоголо́с||ый, -ая, -ое (звонкоголос, -а, -о) баландовоз; **~ые ребяти́шки** бачаҳои баландовоз

зво́нкость *ж* ҷарангдорӣ, ҷарангосӣ (ҷарангдор) будан(и); **~ го́лоса** ҷарангдории овоз

зво́нница *ж* ноқусхона

звоно́к *м* 1. занг, ҷарас, зангула; **дверно́й ~** занги дар 2. *(сигнал)* занг; **телефо́нный ~** занги телефон; **~ на переры́в** занги танаффус; **разда́лся ~** занг зада шуд

зво́нчатый, -ая, -ое (звончат, -а, -о) *фольк.* ҷарангдор, ҷарангосӣ, хушоҳанг

звук *м* 1. садо, овоз; **ре́зкий ~** садои баланд; **~ шаго́в** садои по; **~и вы́стрелов** садои тирпарронӣ; **ночны́е ~и** садоҳои шаб 2. *физ.* садо, савт; **тео́рия ~а** назарияи садо; **ско́рость ~а** суръати садо 3. *муз.* садо, савт, оҳанг; **~и га́ммы** садоҳои гамма 4. *лингв.* овоз; **гла́сные ~и** овозҳои садонок; **носовы́е ~и** овозҳои димоғӣ ◇ **пусто́й ~** гапи хушку холӣ, гапи пуч; **ни ~а** ҳеҷ садо не, ҷим-чит

звуко- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «овоз»:* **звукоподража́ние** тақлиди овоз

звуков||о́й, -а́я, -о́е 1. садоӣ, ...и овоз, савтӣ, овоздор; **~о́е письмо́** мактуби овоздор, мактуби ба қарта сабтшуда; **~о́е кино́** кинои овоздор (гуё) 2. *физ.* ...и садо; **~о́й барье́р** садди садо; **~а́я волна́** мавҷи овоз 3. *муз.* ...и садо, ...и оҳанг, ...и савт 4. *лингв.* ...и овоз, овозӣ; **~о́е измене́ние** бадалшавии овоз

звуковоспроизведе́ние *с физ.* овозбавуҷудоварӣ, таҷдиди садо, ба овоз табдил додани ларзишҳои электрӣ

звуковоспроизводя́щий, -ая, -ее *физ.* овоз ба вуҷудоваранда, ...и таҷдиди садо; **~ аппара́т** дастгоҳи таҷдиди садо

звукозапи́сывающий, -ая, -ее ...и сабти садо; **~ аппара́т** дастгоҳи сабти садо (овоз)

звукоза́пис||ь *ж* сабти садо (овоз); **прибо́р для ~и** асбоби сабти садо; **производи́ть ~ь** садоро сабт кардан

звукоизоляцио́нн||ый, -ая, -ое садоногузар, ...и садоногузарӣ; **~ые материа́лы** материалҳои садоногузар

звукоизоля́ция *ж* садоногузарӣ, садоногузар кардан(и); **~ помеще́ния** садоногузар кардани бино

звукомаскиро́вка *ж* садпушӣ *(усулҳои техникие, ки садои тупҳоро паст мекунанд)*

звукометри́ческ||ий, -ая, -ое ...и садоченкунӣ; **~ая ста́нция** станцияи садоченкунӣ

звукоме́трия *ж* садоченкунӣ *(аз рӯи овози тир мавқеи тупро муайян кардан)*

звуконепроница́емость *ж* садоногузар будан(и); **~ перекры́тий** садоногузар будани шифтҳо

звуконепроница́ем||ый, -ая, -ое садоногузар; **~ая перегоро́дка** девораи садоногузар

звукоопера́тор *м* оператори овоз

звукоопера́торский, -ая, -ое ...и оператори овоз; **~ пульт** пульти оператори овоз

звукопись *ж лит., иск.* сабти садо *(яке аз усулҳои хушоҳанг намудани садоҳо дар адабиёт ва мусиқӣ)*

звукопоглощающ||ий, -ая, -ее садогиранда; **~ие материалы** материалҳои садогиранда

звукопоглощение *с* садофурӯбарӣ *(қобилияти садоҳоро фуру бурдан ва қувваи онҳоро паст кардан)*

звукоподражани||е *с* тақлиди овоз; **способность к ~ю** қобилияти тақлиди овоз // *лингв.* овози тақлиди *(калимаи бо тақлиди овоз сохташуда, мас.* ку-ку, мав-мав, тақар-туқур)

звукоподражатель *м* тақлидкунандаи овоз

звукоподражательность *ж* тақлиди овоз

звукоподражательн||ый, -ая, -ое ...и тақлиди овоз, бо тақлиди овоз сохташуда; **~ые слова** калимаҳои тақлидиовозӣ

звукопроводность *ж* садогузаронӣ; **~ воды** садогузаронии об; **обладать хорошей ~ю** қобилияти хуби садогузаронӣ доштан

звукопроводящ||ий, -ая, -ее садогузарон; **~ая среда** муҳити садогузарон

звукопроницаемость *ж* садогузаронандагӣ; **~ воздуха** қобилияти садогузаронандагии ҳаво

звукопроницаем||ый, -ая, -ое садогузаронанда; **~ые стены** деворҳои садогузаронанда

звукорежиссёр *м* режиссёри овоз

звукоряд *м муз.* силсилаи садоҳо; **гармонический ~** силсилаи садоҳои хушоҳанг (мутаносиб, мувофиқ)

звукосниматель *м* садобардор, адаптер

звукосочетание *с* ҷӯршавии садоҳо, ҳамоҳангӣ; **мелодическое ~** ҷӯршавии хушоҳанги садоҳо

звукоулавливание *с* шунида доштани садо *(мас. садои самолёт)*

звукоулавливатель *м* дастгоҳи садогиранда *(дастгоҳи гирандаи садои самолёт, киштии зериобӣ ва ғ.)*

звукоулавливающий, -ая, -ее садогиранда; **~ аппарат** дастгоҳи садогиранда

звукоусиление *с* баланд кардани садо

звукоусиливающий, -ая, -ее садобаландкунанда

звучание *с* 1. *(по знач. гл.* **звучать** 1) садодиҳӣ; **~ струн** садои торҳо; **~ голосовых связок** овози садопардаҳо 2. *перен. книжн.* оҳанг, савт; **революционное ~ произведения** оҳанги революционии асар; **иметь общественное ~** оҳанги ҷамъиятӣ доштан

звуч||ать *несов.* 1. садо додан, садо баровардан, танин андохтан; **~ат струны гитары** торҳои гитара садо мебароранд; **~ит балалайка** балалайка садо медиҳад 2. ба гӯш расидан, шунида шудан; **~ат голоса** овозҳо шунида мешавад; **~ит песня** суруд ба гӯш мерасад 3. *перен.* зоҳир шудан, ҳис шудан; **в его голосе ~ала тоска** дар овози у оҳанги ғаму ҳасрат ҳис мешуд 4. *перен.* будан; **его слова ~ат убедительно** суханони у эътимодбахш мебошанд ◊ **~ать в ушах (в памяти, в сердце)** дар хотир нишастан, дар гӯш нишаста мондан

звучащий, -ая, -ее 1. *прич.* садобароранда, садодиҳанда 2. *прил.* овоздор; **~ буй** шиновараки овоздор

звучно *нареч.* ба тарзи шунаво, бо садои баланд

звучность *ж* садонокӣ, ҷарангдорӣ, хушоҳангӣ; **~ стиха** хушоҳангии шеър

звучный, -ая, -ое (звуч|ен, -на, -но) 1. *(отчётливый)* садодор, ҷарангдор, расо; **~ голос** овози расо; **~ смех** хандаи ҷарангдор 2. *(с чистым звуком)* хушоҳанг, марғуладор, ...и овозаш тоза, таниндор; **~ колокольчик** зангулачаи хушоҳанг

звяк I *м прост.* ҷиринг, ҷиринг-ҷиринг; **~ пил** ҷиринг-ҷиринги арраҳо

звяк II *межд. в знач. сказ. разг.* ҷиринг (ҷаранг, ҷиринг-ҷиринг, шақар-шуқур) мекунад (мекард *ва ғ.*); **медяки в кармане ~ да ~** пули мисин дар киса ҷиринг-ҷиринг мекард

звяканье *с (по знач. гл.* **звякать**) ҷирингосзанӣ, ҷарангосзанӣ, шақаросзанӣ; **~ шпор** ҷарангосзании маҳмезҳо; **~ ключами** шақаррос занондани калидҳо

звякать *несов. см.* **звякнуть** 1

звякну||ть *сов. однокр.* 1. ҷирингос (ҷарангос) задан; **~ли монеты** тангаҳо ҷирингос заданд // **чем** ҷарангос занондан; **~ть шпорами** маҳмезҳоро ҷарангос занондан 2. *прост.* телефон кардан; **~ть товарищу** ба рафиқи худ телефон кардан

зги: **ни ~ не видно (не видать)** тип-торик, ҳеҷ чиз дида намешавад, чашм чашмро намебинад

здани||е *с* бино, иморат; **~е театра** бинои театр; **общественные ~я** биноҳои ҷамъиятӣ

здесь *нареч.* 1. [дар] ин ҷо; **~ будет построен город** дар ин ҷо шаҳр бино меёбад 2. *(в этом случае)* дар ин маврид, дар ин сурат; **~ нужна осторожность** дар ин мавриди эҳтиёт лозим аст ◊ **одна нога ~, другая там** шамол барин, бисьёр тез

здешн||ий, -яя, -ее *разг.* ...и ин ҷо, инҷоӣ, ҳаминҷоӣ; **~яя зима** зимистони ин ҷо; **~ие учителя** муаллимони инҷоӣ

здороваться *несов.* салом додан, саломалейк кардан; **~ за руку** даст дода салом кардан; **~ с гостями** бо меҳмонон саломалейк кардан

здоровенный, -ая, -ое 1. тануманд, қавиҳайкал, бузургҷусса, азимҷусса; **~ детина** ҷавони пурқувват 2. бузург, хеле калон; **~ дом** иморати хеле калон

здорове||ть *несов. разг.* солимтар (дурусттар, нерӯмандтар, боқуваттар) шудан; **на чистом воздухе дети ~ют** бачаҳо дар ҳавои тоза боқувваттар мешаванд

здоровёхонький, -ая, -ое (здоровёхо|нек, -нька, -нько) *разг. и фольк.* сиҳат-саломат, бардам; **старик ещё жив и здоровёхонек** пирамард ҳоло барҳаёт ва бардам (сиҳат-саломат) аст

здоровёшенький, -ая, -ое (здоровёше|нек, -нька, -нько) *см.* **здоровёхонький**

здоровила *м прост.* ландаҳур

здоровит||ься *несов. безл. чаще с отриц. разг.:* **что-то мне не ~ся** тобам нашуда истодааст, нотоб шуда истодаам

здорово *нареч. прост.* 1. *(сильно)* сахт, зур, хеле, дуруст, расо; **я ~ проголодался** ман сахт гурусна мондам 2. *(хорошо)* нағз, хуб, баҷо; **~ вы живёте!** зиндагиатон нағз!

здорово I *межд. прост.* салом!; **~, друзья!** салом, ҷураҳо! ◊ **~ живёшь (живёте)!** *прост.* саломат бош(ед)! **за ~ живёшь** *прост.* бе ҳеҷ асос, бе сабаб, бе далел, ҳамту

здорово II 1. *нареч.* солимона 2. *в знач. сказ.* нафъ дорад; **детям ~ спать на воздухе** дар ҳавои кушод хобидан барои саломатии бачаҳо нафъ дорад

здоровость *ж* солим будан(и), солимӣ, созгорӣ; **~ климата** созгории иқлим

здоров||ый, -ая, -ое (здоров, -а, -о) 1. тандуруст, солим, сиҳат; **~ый ребёнок** бачаи тандуруст; **~ое сердце** дили сиҳат; **~ый вид** қиёфаи солим; **~ый румянец** сурхии рухсораи одами солим // *в знач. сущ.* **здоровый** *м* солим, одами сиҳат; **здоровая** *ж* зани солим 2. *(полезный)* фоиданок, муфид, созгор; **~ый воздух** ҳавои созгор 3. *разг. (крепкого сложения)* бардам, тануманд, боқувват, шуданӣ; **~ый детина** ҷавони тануманд 4. *разг. (большой)* калон, бузург, баланд; **~ый дом** бинои калон 5. *(сильный)* зур, шадид, сахт; **~ый удар** зарбаи сахт 6. *разг. (прочный)* мустаҳкам, сахт; **~ые столбы** сутунҳои мустаҳкам; **~ая доска** тахтаи сахт 7. *тк. полн. ф. перен. разг.* солим, дуруст; оқилона; **~ая критика** танқиди солим; **~ые суждения** мулоҳизаҳои дуруст; **~ый коллектив** коллективи солим 8. *в знач. сказ. с неопр. или на что прост.* чолок, усто, моҳир; **он здоров спать** вай хоб-ба усто ◊ **здоров как бык** ≈ асп (фил) барин бақувват; **валить с больной головы на ~ую** айби худро ба гардани дигарон мондан; алами Исоро аз Мусо гирифтан

здоровье *с* тандурустӣ, саломатӣ; сиҳатӣ; аҳвол, ҳол, аҳволи саломатӣ; **охрана здоровья** муҳофизати сиҳатӣ; **его ~ улучшилось** аҳволи саломатии у беҳтар шуд; **спросить о ~** аҳволпурсӣ (ҳолпурсӣ) кардан ◊ **доброго здоровья!** саломат бошед!; [за] **ваше (твоё) ~!** ба саломатии шумо (ту)!; **на [доброе] ~!** нуши ҷон кунед!; ош шавад!

здоровяк *м разг.* бузбала, тануманд

здоровячка *женск. к* **здоровяк**

здрави||е *с уст. см.* **здоровье** ◊ **во ~е** *уст.* барои саломатӣ; нуши ҷон; ош шавад; **~я желаю (желаем)!** салом!; **начать за ~е, а кончить за упокой** *погов.* ≈ аввал ситоишу баъд коҳиш

здравиц||а *ж* нӯшбод, муборакбодӣ, ҳасанот, табрику таҳният; **про-**

возгласи́ть ~у в честь юбиля́ра ба шарафи соҳибҷашн нушбод (муборакбод) гуфтан

здра́вниц||а *ж* шифохона, шифогоҳ; **ю́жные ~ы** шифохонаҳои ҷанубӣ

здра́во *нареч.* 1. оқилона, дуруст, баҷо; ~ **рассуди́ть** оқилона мулоҳиза кардан 2. *уст.* сиҳат-саломат

здраво: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъниҳои зерин:* 1) *«саломатӣ», «тандурустӣ»* — **здравоохране́ние** нигоҳдории тандурустӣ 2) *«оқилона», «дуруст», «салим»* — **здравомы́слящий** соҳиби ақли салим

здравомы́слие *с книжн.* хушфикрӣ, ақли салим; **облада́ть ~м** соҳиби ақли салим будан

здравомы́слящий, -ая, -ее *книжн.* хушфикр, соҳиби ақли салим

здравоохране́ни||е *с* нигоҳдории тандурустӣ; **о́рганы ~я** органҳои нигоҳдории тандурустӣ

здравоохрани́тельн||ый, -ая, -ое ...и нигоҳдории тандурустӣ; **~ые мероприя́тия** чорабиниҳои нигоҳдории тандурустӣ

здра́вость *ж* салимӣ, дурустӣ; ~ **посту́пков** дурустии рафтор

здравотде́л *м* шуъбаи нигоҳдории тандурустӣ

здравпу́нкт *м* пункти нигоҳдории тандурустӣ

здра́вствование *с книжн.* 1. тандуруст (солим) будан(и), сиҳат-саломат зиндагӣ кардан(и), дар қайди ҳаёт (барҳаёт) будан(и) 2. салом гуфтан(и)

здра́вств||овать *несов.* 1. *(быть здоровым; благополучно жить)* тандуруст (салим) будан, сиҳат-саломат зиндагӣ кардан 2. *повел.* **здра́вствуй(те)!** салом! 3. *повел.* **здравствуй(те)** *в знач. межд. прост.* ана халос ◇ да **~ует (~ют)!** зинда бод!

здра́в||ый, -ая, -ое (здра́в, -а, -о) 1. солим, дуруст; **~ые сужде́ния** мулоҳизаҳои дуруст; **в ~ом рассу́дке** бо фикри солим 2. *уст. см.* **здоро́вый** 1

зе́бра *ж* гурхар *(аспи ёбоии африкоӣ, ки пусти рах-рах дорад)*

зе́бровый, -ая, -ое ...и гурхар

зе́бу *м нескл.* зебу, говмеш *(гови баландкуҳон дар Осиё ва Африка)*

зев *м* 1. ҳалқ, ҳалқум 2. *уст. и обл. (пасть)* даҳан; **рази́нуть** ~ даҳан яла кардан // *перен. (жерло, отверстие)* даҳан, танура; ~ **пе́чи** даҳани печка; ~ **вулка́на** танураи вулкан ◇ **льви́ный** ~ *бот.* аждардаҳон, гули хандон

зева́ка *м, ж разг.* даҳаньяла, гаранг, бекорхуча; **вокру́г игроко́в собрало́сь мно́жество зева́к** ба гирди бозигарон бисьёр бекорхучаҳо ҷамъ шуданд

зева́нье *с (по знач. гл.* **зева́ть** 1, 2) хамьёзакашӣ; даҳаньялагӣ

зева́тельн||ый, -ая, -ое ...и хамьёза; **~ая су́дорога** рагкашӣ аз хамьёза

зева́ть *несов.* 1. хамьёза кашидан; ~ **до слёз** сахт хамьёза кашидан 2. *разг.* даҳани яла нигоҳ кардан; ~ **по сторона́м** даҳани яла ба атроф нигаристан 3. *разг. (быть нерасторопным)* бехабар мондан, аз даст додан 4. *разг. (быть невнимательным)* бедиққатӣ (беэътиноӣ) кардан; ~ **на ле́кции** маърузаро бе диққат гуш кардан

зева́||ться *несов. безл. разг.* хамьёза омадан; **ску́чно,** ~**ется** дил зик, хамьёзаи кас меояд

зевну́ть *сов. однокр к* **зева́ть** 1

зев||о́к *м* 1. хамьёза; **прикры́ть ~о́к ладо́нью** вақти хамьёза даҳонро бо кафи даст пушондан 2. *перен. прост.* даҳаньялагӣ, бехабар мондан(и), бепарвоӣ; **дать ~ка́** бехабар мондан

зево́та *ж* хамьёза. хамьёзакашӣ

зелене́ние I *с (по знач. гл.* **зелене́ть** 1) сабзшавӣ, кабудшавӣ

зелене́ние II *с (по знач. гл.* **зелени́ть)** кабуд (сабз) кардан(и), ранги кабуд задан(и); ~ **тка́ни** кабуд кардани матоъ

зелене́||ть *несов.* 1. *(становиться зелёным)* сабз (кабуд) шудан, сабзпуш шудан; **луга́ ~ют** марғзорҳо сабз мешаванд 2. *(виднеться — о зелёном)* сабз тофтан, кабудча тофтан; **в доли́не ~ют сады́** дар водӣ боғот сабз метобад; **на прила́вках ~ют огурцы́** дар руи пештахтаҳои дукон бодиринг кабудча метобад 3. *разг. (сильно бледнеть)* каб-кабуд шудан; **~ть от зло́сти** аз хашм каб-кабуд шудан 4. *(покрываться зелёным налётом)* кабудча (зангор) шудан; **медь от вре́мени ~ет** мис бо мурури вақт зангор мешавад ◇ **в глаза́х ~ет** пеши чашм сиёҳ мезанад

зелене́ться *несов. см.* **зелене́ть** 2

зелени́ть *несов. что* кабуд (сабз) кардан, ранги кабуд задан

зеленн||о́й, -а́я, -о́е *уст.* сабзавотӣ, сабзавотфурушӣ; **~а́я ла́вка** дукони сабзавотфурушӣ

зеленогла́зый, -ая, -ое (зеленогла́з, -а, -о) сабзчашм, чашмсабз; ~ **котёнок** гурбачаи чашмсабз

зелёность *ж* кабудӣ, сабзрангӣ, сабзгунӣ

зеленц||а́ *ж прост* 1. *см.* **зе́лень** 1, 2; 2. *(о цвете)* сабзчаранг, сабзчатоб; **ша́рфик с ~о́й** гарданпечи сабзчатоб

зеленщи́к *м* кабудифуруш, сабзавотфуруш

зелён||ый, -ая, -ое (зе́лен, -а́, -о) 1. сабз, кабуд; **~ая кра́ска** ранги сабз; **~ая листва́** барги сабз 2. *разг. (о цвете лица)* сабзтоб, сабзчатоб, кабудтоб, кабудчатоб; **его́ лицо́ ста́ло ~ым** ранги руяш сабзчатоб шуд 3. *тк. полн. ф.* кабуд, сабз; **~ый луг** марғзори кабуд; **~ые дере́вья** дарахтони сабз 4. *тк. полн. ф.* тар, кабуд; **~ый корм** алаф; **~ые щи** шурбои кабудинок 5. кабуд, хом, нопухта, норасида; **~ое я́блоко** себи хом 6. *перен.* бетаҷриба, хом, норасида; **~ая молодёжь** ҷавонони бетаҷриба ◇ **~ое (зелено́) вино́** *фольк. и прост.* арақ; **~ый горо́шек** нахуди кабуд; **~ый конве́йер** тарнигоҳдорӣ *(усули растаниҳоро тару тоза нигоҳ доштан барои парвариши чорво)*; **~ая ску́ка (тоска́)** зиққии тоқатшикан; **~ый сыр** панири кабудчатоб *(навъи панири тундмаза)*; **~ая у́лица** роҳи кушод; **откры́ть ~ую у́лицу** *кому-чему* роҳ кушодан, имкон додан, монеаро бартараф кардан; **~ый чай** чои кабуд; **ёлки ~ые** *прост.* сабил, сабилмонда; **мо́лодо — зе́лено** *прост.* ҷавонӣ хом, ҷавони камтаҷриба; **до ~ого змия напи́ться** *прост.* масти лояъқал шудан, масту аласт шудан

зе́лен||ь *ж* 1. *собир. (растительность)* кабудӣ, кабудизор; **утопа́ть в ~и** дар кабудизор ғарқ шудан // *(листва)* баргҳои кабуд; **дере́вья в ~и** дарахтони каб-кабуд; **оде́ться густо́й ~ью** барги бисьёр баровардан 2. *собир. (овощи)* сабзавот; **прода́жа све́жей ~и** фурухтани сабзавоти нав 3. *(цвет)* кабудӣ, ранги кабудча; **вода отлива́ла ~ью** об кабудча метофт 4. *разг. (налёт)* занг; **медь покры́лась ~ью** руи мис зангор баст 5. *(краска)* ранги сабз (зангор, кабуд); **брилли-а́нтовая ~ь** ранги анилин *(дар тиб кор фармуда мешавад)*; **ци́нковая ~ь** ранги руҳ

зеленя́ *тк. мн. обл.* майса, сабза

зело́ *нареч. уст. и шутл.* хело; ~ **утоми́лся** хело монда шудам

зе́лье *с уст.* 1. *(трава)* гиёҳ 2. *(настой на травах)* табиx, гиёҳоба // *шутл. (водка)* арақ 3. *разг. (о зловредном человеке)* одами бадкина 4. *(порох)* борут; **огнево́е** ~ борути милтиқ ◇ **приворотное** ~ нушобаи муҳаббат

зельц *м* гадак *(ҳасиби гушти калла, пой, шикамба ва ғ.)*

зем: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «замин», «зироат»:* **земснаря́д** мошини лойкашак

земе́льн||ый, -ая, -ое 1. заминӣ, ...и замин; **~ый уча́сток** қитъаи замин; **~ый фонд** фонди замин 2. ...и замин; **~ая ре́нта** рентаи замин; **~ая рефо́рма** ислоҳоти замин

земле: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «замин»:* **землевладе́ние** заминдорӣ

землеве́д *м* заминшинос

землеве́дение *с* заминшиносӣ

землевладе́лец *м* заминдор, соҳиби замин

землевладе́лица *ж* занаки заминдор, соҳибаи замин

землевладе́льческ||ий, -ая, -ое ...и заминдорӣ, ...и заминдор; **~ие дохо́ды** даромадҳои заминдорӣ

землевладе́ние *с* 1. заминдорӣ 2. *(участок земли)* мулк

земледе́лец *м* зироаткор, деҳқон, барзгар, кишоварз

земледе́лие *с* 1. зироат, деҳқонӣ, кишоварзӣ; **занима́ться ~м** бо деҳқонӣ машғул шудан, деҳқонӣ кардан 2. *(наука)* зироаткорӣ, илми зироат; **о́бщее** ~ зироаткории умумӣ; **ча́стное** ~ зироаткории хусусӣ

земледе́льческий, -ая, -ое зироатӣ, ...и зироат, ...и деҳқонӣ; ~ **райо́н** райони зироатӣ

землеко́п *м* заминков, хоккаш

землеко́пн||ый, -ая, -ое заминковӣ;

~ый инструме́нт асбоби заминковӣ; **~ые рабо́ты** корҳои заминковӣ

землеме́р *м* заминпаймо, танобкаш

землеме́рн||ый, -ая, -ое ...и заминпаймоӣ, ...и танобкашӣ; **~ые инструме́нты** асбобҳои заминпаймоӣ

землеописа́ние *с уст. см.* **геогра́фия**

землепа́шество *с уст. см.* **земледе́лие** 1

землепа́шец *м уст. см.* **земледе́лец**

землепользовани||е *с* истифодаи замин; **реформа ~я** ислоҳоти замин; **~е колхо́зов** истифодаи замин аз тарафи колхозҳо

землепо́льзовател||ь *м* истифодабарандаи замин; **до́говор с ~ем** шартнома бо истифодабарандаи замин

землепроходец *м уст.* кишваркушо *(сайёҳи рус, ки заминҳои номаълумро кашф мекард)*

землеро́б *м обл. см.* **земледе́лец**

землеро́йка *ж зоол.* муши саҳроӣ

землеройн||ый, -ая, -ое ...и заминковӣ, ...и заминков; **~ые рабо́ты** корҳои заминковӣ; **~ые маши́ны** мошинҳои заминков

землесо́с *м* мошини лойкашак

землесо́сный, -ая, -ое ...и лойкашак; **~ снаря́д** асбоби лойкашак

землетрясе́ние *с* заминҷунбӣ, зилзила

землеустро́итель *м* заминсоз, мутахассиси заминсозӣ

землеустро́ительн||ый, -ая, -ое ...и заминсозӣ; **~ые рабо́ты** корҳои заминсозӣ

землеустро́йство *с* заминсозӣ *(маҷмӯи тадбирҳо барои аз замин истифодакуниро ба тартиб андохтан)*

землечерпа́лка *ж* мошини хокбарорӣ (лойкашӣ)

землечерпа́ние *с* хокбарорӣ, лойкашии *(аз таги дарьё, кул ва ғ.)*

землечерпательный, -ая, -ое ...и хокбарорӣ, ...и лойкашӣ; **~ снаря́д** асбоби хокбарорӣ

земли́стость *ж* хоколуд (хокдор) будан(и); хокмонанд (хокранг) будан(и)

земли́ст||ый, -ая, -ое (землист, -а, -о) 1. *(с землёй)* хокдор, хокаралаш, хоколуд; **~ый торф** торфи хокдор; **~ый песо́к** реги хокаралаш 2. *(о цвете лица)* хира, рангпарида; **~ое лицо́** чеҳраи хира

земл||я́ *ж* 1. *(планета)* Замин; **Земля́ враща́ется вокру́г Со́лнца** Замин дар атрофи Офтоб чарх мезанад // *(место жизни)* замин; **жизнь на ~е́** ҳаёти рӯи замин 2. *(суша)* хушкӣ, замин; **вы́садиться на зе́млю** ба хушкӣ фуромадан 3. *(почва)* замин, хок; **плодоро́дная ~я́** замини ҳосилхез; **культу́рный слой ~и́** *археол.* табақаи маскуни замин; **использование ~и́ и её недр** истифодаи замин ва қаъри он; **уча́сток ~и́** қитъаи замин; **паха́ть зе́млю** замин рондан (шудгор кардан); **рыть зе́млю** замин кофтан; **закопа́ть в зе́млю** ба замин (хок) гур кардан // *(рыхлое вещество)* хок; **комо́к ~и́** кулух; **насыпа́ть ~и́** хок пошидан, хок рехтан 4. *(поверхность)* рӯи замин, замин; **положи́ть на зе́млю** ба замин гузоштан 5. *(территория)* замин; **колхо́зная ~я́** замини колхоз; **зале́жные зе́мли** заминҳои бекорхобида (боир) 6. *(страна)* сарзамин; диёр, хок 7. *уст. (фон ткани, обоев)* замин, таҳранг ◊ **обетова́нная ~я́** манзили орзу; **пуп ~и́** *ирон.* сутуни дуньё; **соль ~и́** зеби мамлакат; **за три́девять земе́ль** дар он тарафи дуньё; пушти кӯҳи Қоф; **на край ~и́** ба ҷои дурдаст; **на краю́ ~и́** дур, бисёр дур; **как не́бо и ~я́** фарқаш аз замин то осмон; **ме́жду не́бом и ~ёй** 1) бе хона, бе макон, ломакон; 2) дар ҳолати номуайян 3) муаллақ; **вита́ть ме́жду не́бом и ~ёй** хаёлпарастӣ кардан, хаёли хом дар сар парваридан; **~я́ гори́т под нога́ми** *кого, у кого* мурғи посухта барин гаштан; гурехтанӣ шудан; **зе́млю ро́ет** *прост.* аз таги замин бошад ҳам ёфта мебиёрад; **~я́ ухо́дит из-под ног** *кого, у кого* осмон ба сараш фуру рехт; **ви́деть на три (на два) арши́на под ~ёй** таги заминро дидан; дар таги бурьё ҷунбидани каждумро донистан; **доста́ть из-под ~и́** аз таги замин пайдо кардан; **зарыть тала́нт в зе́млю** истеъдодро бар бод додан; **лечь в зе́млю** мурдан, ҷон додан; **ме́рить зе́млю** *прост.* бисёр пиёда гаштан; **не слы́шать ~и́ под собо́й** *уст.* аз шодӣ ба пераҳан (ба пусти худ) нагунҷидан; **от ~и́ не вида́ть** пакана, пастак; **отлича́ться как не́бо от ~и́** аз замин то осмон фарқ доштан; **поту́пить глаза́ в зе́млю** чашм ба замин дӯхтан; **преда́ть ~е́** *кого-что* ба хок супурдан; **сади́ться на зе́млю** машғули деҳқонӣ шудан, деҳқони хокпош шудан; **сиде́ть на ~е́** деҳқонӣ кардан; **сровня́ть с ~ёй** ба замин яксон кардан; **стере́ть с лица́ ~и́** хоку туроб кардан; несту нобуд кардан; **теря́ть зе́млю из-под ног (под нога́ми)** эътимод аз даст додан, мавқеъ гум кардан; **упа́сть с не́ба на зе́млю** аз аспи хаёлот фуромадан; **гото́в сквозь зе́млю провали́ться** замин накафид, ки ман дароям; **как (бу́дто, сло́вно, то́чно) из-под ~и́ вы́рос** гуё аз қаъри замин баромада бошад; нохост пайдо шуда монд; **как (бу́дто, сло́вно, то́чно) сквозь зе́млю провали́лся** гуё замин ба комаш кашид; гуё ки замин кашида бошад; **как [то́лько] тебя́ (его́ *и т. д.*) ~я́ но́сит [те́рпит]?** чӣ хел замин туро (вайро *ва ғ.*) ба комаш намекашад?; **слу́хом ~я́ по́лнится** *посл.* ҳама ҷо овозаю дарвоза

земля́к *м* ҳамшаҳр(ӣ); ҳамвилоятӣ; ҳамдеҳа

земля́не *мн.* (*ед.* **земля́нин**) аҳолии замин, заминиҳо

земляни́ка *ж (растение)* тути заминӣ (қулфинай); *(ягоды)* [меваи] тути заминӣ (қулфинай)

земляни́чн||ый, -ая, -ое ...и тути заминӣ, ...и қулфинай; **~ое варе́нье** мураббои тути заминӣ

земля́нк||а *ж* заминкан, хонаи зеризаминӣ; **постро́ить ~у** заминкан сохтан; **жить в ~е** дар заминкан зистан

земляи||о́й, -а́я, -о́е 1. заминӣ, ...и заминковӣ; **~ы́е рабо́ты** корҳои заминковӣ 2. *(из земли)* хокӣ, хока; **~а́я на́сыпь** хоктӯда, тали хок, хоктеппа // *уст. (о цвете лица)* хира; **лицо́ ~о́го цве́та** рӯи рангпарида 3. *(живущий в земле)* заминӣ, хокӣ; **~о́е насеко́мое** ҳашароти хокӣ 4. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои наботот, ҳайвонот ва минералҳо:* **~ы́е бло́хи** кайкҳои хокӣ *(гамбускчаҳои ҷаҳандаи баргхур)*; **~о́й оре́х** чормағзи (финдиқи) заминӣ; **~о́й червь** кирми лойхурак

земля́ночный, -ая, -ое ...и заминкан

земля́ческий, -ая, -ое ҳамшаҳр(ӣ), ҳамвилоят(ӣ), ҳамдеҳа

земля́чество *с* 1. ҳамдиёриҳо 2. ташкилоти ҳамдиёрон (ҳамватанон)

земля́чка *женск. к* **земля́к**

земно *нареч.:* **~ кла́няться** *уст.* сари таъзим фуруд овардан, саҷда кардан

земново́дн||ый, -ая, -ое 1. обиву хокӣ, дубаҳра; **~ое живо́тное** ҷонвари дубаҳра 2. *в знач. сущ.* **земново́дные** *мн. зоол.* дубаҳраҳо

земн||о́й, -а́я, -о́е 1. заминӣ, ...и замин; **~а́я пове́рхность** рӯи замин; **~а́я ось** меҳвари замин; **~а́я кора́** қишри замин; **~о́й шар** кураи замин 2. ...и рӯи замин, ...и рӯи олам; **~ы́е бла́га** неъматҳои рӯи замин; **~о́е по́прище** арсаи амалиёт, фаъолият дар рӯи олам; **~о́й рай** биҳишти рӯи замин 3. *перен.* муқаррарӣ, ҳаррӯза; **~ы́е интере́сы** талаботи оддӣ (муқаррарӣ) ◊ **~о́й магнети́зм** магнетизми замин (1. *физ. қувваҳои магнитии гирди кураи замин* 2. *геофиз. як қисми илми геофизика, ки доираи магнитии заминро меомӯзад)*; **~о́й покло́н** таъзим, саҷда

земноро́дный, -ая, -ое ... и махлуқи рӯи замин

зе́мск||ий, -ая, -ое *ист.* 1. умумидавлатӣ, ...и умуми давлат; **~ий собо́р** ҷамъомади умумидавлатӣ 2. ...и земство; **~ие собра́ния** маҷлисҳои земство; **~ая шко́ла** мактаби земство; **~ий врач** духтури земство; **~ий нача́льник** сардори земство

земснаря́д *м* (землесо́сный снаряд) мошини лойкашак

зе́мство *с ист.* земство *(органҳои маҳаллии худидоракунӣ дар Россияи пешазрэволюционӣ)*

зе́мщина *ж ист.* 1. земщина *(як қисми давлати Русь, ки Ивани IV баъд аз таъсиси опричнина ҳамчун территорияи худидоракунанда муқаррар карда буд)* 2. *собир уст.* аҳли деҳот

зензу́бель *м (столярный инструмент)* зеҳранда, рандаи борик

зени́т *м* 1. *астр.* самтурраъс, самти болои сар, қиём, авҷ; **со́лнце в ~е** офтоб ба қиём расид 2. *перен.* авҷ, камол; **в ~е сла́вы** дар авҷи шуҳрат

зени́тка *ж разг.* тӯпи зенитӣ, тупи самолётзан

зени́тн||ый, -ая, -ое 1. *астр.* самтурраъсӣ, ...и самти болои сар; **~ое расстоя́ние** масофаи самтурраъсӣ 2. *воен.* ...и зенит; **~ый ого́нь** оташи тӯпҳои зенит; **~ая артилле́рия** артиллерияи зенит

зени́тчик *м* тупчии тупи зенит, зенитчӣ

зени́тчица *женск. к* **зени́тчик**

зени́ц||а *ж уст.* мардумаки (гавҳараки) чашм, мардумак; **отве́рзлись ~ы** чашм кушода шуд, чашм во шуд ◇ **бере́чь (храни́ть) как ~у ока** ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ доштан (эҳтиёт кардан)

зе́нкер *м* гирдасуҳон *(асбоб барои суфта кардани девораҳои сурохи)*

зе́нки *тк. мн. груб. прост. и обл.* чашм; **вы́таращить ~** чашмро аз хонааш баровардан; **уста́вить ~** чашм духтан

зе́ркал||о *с* 1. оина; **криво́е ~о** оинаи каҷнамо, оинаи каҷу килеб нишондиҳанда; **смотре́ться в ~о** ба оина нигоҳ кардан; **отража́ться в ~е** дар оина акс ёфтан; **как ~о** ҳамчун оина, бисьёр равшан, возеҳ, аён 2. *перен. (отражение)* оина; **~о души́** оинаи дил; **~о жи́зни** оинаи ҳаёт 3. *(поверхность чего-л.)* сатҳ, руй; **~о льда** сатҳи ях; **пло́щадь ~а о́зера** сатҳи оби кӯл

зерка́льност||ь *ж* оина барин будан(и), оинагун будан(и), тахт (ҳамвор) будан(и); **отшлифова́ть до ~и** сайкал дода оина барин кардан

зерка́льн||ый, -ая, -ое 1. оинагӣ, ...и оина; **~ая мастерска́я** устохонаи оинасозӣ; **~ое произво́дство** истеҳсоли оина; корхонаи оинасозӣ 2. оинакорӣ; оинадор; **~ый зал** зали оинакорӣ; **~ый шкаф** ҷевони оинадор 3. *перен.* оинавор, оинагун, шаффоф; **~ый блеск** дурахш; **~ая сталь** пӯлоди суфта ◇ **~ый карп** зағорамоҳии ялаққосӣ; **~ое стекло́** шишаи оина; **~ый чугу́н** *уст.* чӯяни рахшон

зе́ркальце *с уменьш. к* **зе́ркало** I

зерка́льщик *м* оинасоз

зерни́стость *ж* донача-донача (доначадор) будан(и); **~ мета́лла** доначадор будани металл

зерни́ст||ый, -ая, -ое (зерни́ст, -а, -о) 1. сердона; **~ая рожь** ҷавдори сердона 2. донача-донача; **~ый снег** барфи дона-дона ◇ **~ая икра́** доначатухми моҳӣ

зерно́ *с* 1. дона, тухм, дон; **ячме́нное ~** донаи ҷав; **кофе́йные зёрна** донаҳои қаҳва // *собир.* ғалла, ғалладона; **семенно́е ~** ғаллаи тухмӣ; **хлеб в зерне́** ғалла, ғаллаи нокуфта; **поста́вка зерна́** ғалласупорӣ 2. *(частица; крупинка)* дона, донача, заррача; **жемчу́жное ~** дурдона; **зёрна по́роха** заррахои борут; **хлорофи́лловые зёрна** заррачаҳои хлорофилл // *перен. (частица чего-л.)* зарра; **~ и́стины** зарраи ҳақиқат 3. *перен.* асос, моҳият; **~ худо́жественного о́браза** моҳияти образи бадеӣ ◇ **зарони́ть ~ чего́-л.** тухми чизеро коштан

зерно= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ғалла»:* **зерносовхо́з** совхози ғаллакор

зернобобо́в||ый, -ая, -ое лубиёӣ, ...и лубиё; **~ые культу́ры** зироатҳои лубиёӣ // *в знач. сущ.* **зернобобо́вые** *мн. бот.* зироатҳои лубиёгӣ

зернови́дн||ый, -ая, -ое (зернови́д|ен, -на, -но) донашакл, доначашакл, донамонанд; **~ые кле́тки** ҳуҷайраҳои доначашакл

зернови́к *м разг.* мутахассиси зироати ғалладона

зерно́вка *ж* 1. *бот.* дон, дона *(донаи аз пуст ҷудонашавандаи растаниҳо)* 2. *(жучок)* митта

зерново́дство *с* ғаллакорӣ

зерново́з *м* мошини ғаллакаш

зерново́зка *ж* аробаи ғаллакашонӣ

зернов||о́й, -а́я, -о́е 1. донагӣ, ...и ғалладона; ...и ғалла, ...и дона; **~ы́е культу́ры** зироатҳои ғалладона; **~о́й совхо́з** совхози ғаллакор; **~а́я моль** митта 2. *в знач. сущ.* **зерновы́е** *мн.* ғалладона; **убо́рка ~ы́х** ғалладаравӣ, даравй ғалла

зернодроби́лка *ж* мошини ярма

зернодроби́льн||ый, -ая, -ое ...и ярма; **~ая маши́на** мошини ярма

зерноочисти́тельн||ый, -ая, -ое ...и ғаллатозакунӣ; **~ая маши́на** мошини ғаллатозакунӣ

зерноочи́стка *ж* ғаллатозакунӣ

зернопогру́зчик *м* ғаллаборкунак

зернопоста́вки *мн.* (**зернопоста́вка** *ж*) ғалласупорӣ

зернопу́льт *м* пульти ғалла *(мошини ғалларо тоза, хушк, ба навъҳо ҷудо ва бор мекардагӣ)*

зерносклад *м* анбори ғалла

зерносовхо́з *м* совхози ғаллакор

зерносуши́лка *ж* 1. *(помещение)* бинои ғаллахушккунӣ 2. *(устройство)* ғаллахушккунак

зерноубо́рочный, -ая, -ое ...и ғалладаравӣ, ...и ғаллаҷамъкунӣ; **~ комба́йн** комбайни ғалладаравӣ

зерноувлажни́тель *м* ғалланамкунак *(мошине, ки ғаллаи орд мешудагиро намнок мекунад)*

зерноулови́тель *м* хӯшачинак, навқончинак *(олате, ки ба мошинҳои ғалладаравӣ шинонда, ба воситаи он ғаллаи рехтаро мечинанд)*

зернофура́ж *м* ем, емворӣ

зернофура́жн||ый, -ая, -ое ...и ем, ...и емворӣ; **~ые культу́ры** зироатҳои емворӣ

зернохрани́лище *с* анбори ғалла

зерноя́дн||ый, -ая, -ое *зоол.* донахӯр, донхур; **~ые живо́тные** ҳайвоноти донахур

зёрнышко *с уменьш.-ласк. к* **зерно́; я́блочное ~** донакчаи (доначаи) себ

зернь *ж уст. (игра в кости)* мӯҳрабозӣ

зеро́ *с нескл.* ноль, сифр

зерца́ло *с* 1. *уст.* миръот 2. *ист.* зерцало *(нишони махсуси муассисаҳои адлия дар Россияи тореволюционӣ)* 3. *мн.* **зерца́ла** *ист. (латы)* ҷоройна, зиреҳ

зет *м* 1. зет *(номи ҳарфи охирини алифбои лотинӣ)* 2. *мат.* зет *(адади номаълум, ки бо ҳарфи «z» ишора мешавад)* 3. зет, фалонӣ, фалон кас

зефи́р *м* 1. *уст. поэт. (ветерок)* насим, сабо 2. *текст.* ҳарир *(навъи газвор)* 3. *кул.* зефир *(навъи ширинӣ)*

зефи́рный, -ая, -ое *уст. поэт. (лёгкий, нежный)* сабук, нозук, маҳин, латиф

зефи́ров||ый, -ая, -ое *текст.* ...и зефир; **~ая руба́шка** куртаи ҳарир

зигза́г *м* 1. хати шикаста (каҷу килеб, мункасир); **~и мо́лний** шиканҳои чақмоқ 2. *в знач. нареч.* **зигза́гом, зигза́гами** печу тоб хурда, морпеч, каҷу килеб, пурпечутоб; **доро́га шла ~ами** роҳ печутоб хӯрда мерафт

зигзагови́дный, -ая, -ое (зиғзагови́д|ен, -на, -но) *см.* **зигзагообра́зный**

зигзагообра́зн||ый, -ая, -ое (зигзагообра́з|ен, -на, -но) шикаста, каҷу килеб, мункасир; **~ая ли́ния** хати каҷу килеб

зижди́тель *м уст. книжн.* буньёдкор, эҷодкор; халлоқ, офаринанда

зижди́тельн||ый, -ая, -ое буньёдкор; **~ые си́лы** қувваҳои буньёдкор

зи́ждить *несов. кого-что уст. книжн.* буньёд (эҷод) кардан, ба вуҷуд овардан

зи́жд||иться *несов. на чём книжн.* асос ёфтан; **позна́ть зако́ны, на кото́рых ~ется челове́ческое о́бщество** қонунҳоеро, ки ҷамъияти инсонӣ ба онҳо асос ёфтааст, дарк кардан

зим||а́ *ж* зимистон; **суро́вая ~а́** зимистони қаҳратун; **снéжная ~а́** зимистони сербарф; **сиро́тская ~а́** зимистони нарм; **в разга́ре ~ы́** дар чиллаи зимистон ◇ **зи́му и ле́то** тамоми сол, ҳамеша; **ско́лько лет, ско́лько зим!** ин қадар камнамо!

зи́мн||ий, -яя, -ее 1. зимистонӣ, ...и зимистон; **~яя сту́жа** сармои зимистон; **~ий ве́чер** шаби зимистон; **~ий пейза́ж** манзараи зимистон; **~яя оде́жда** либоси зимистонӣ; **~ее поме́ще́ние** бинои зимистонгузаронӣ; **~ее солнцестоя́ние** инқилоби зимистонии Офтоб 2. *бот.* тирамоҳӣ; **~яя ро́за** гули тирамоҳӣ; **~яя ре́па** турби тирамоҳӣ ◇ **~ий сад** боғи оинабандӣ

зи́мник *м обл. (зимняя дорога)* роҳи зимистона

зимова́лый, -ая, -ое зимистонгузаронда, аз зимистон баромада; **~ скворе́ц** сочи аз зимистон баромада

зимова́льный, -ая, -ое *рыб.* ...и зимистонгузаронӣ; **~ пруд** ҳавзи зимистонгузаронӣ

зимова́ние *с см.* **зимо́вка** 1; **~ скота в гора́х** зимистонгузаронии чорво дар кӯҳсор

зимова́ть *несов.* 1. зимистон гузарондан; **зи́му ~** зимистон гузарондан 2. *(о птицах; о растениях)* ба зимистон тоб овардан ◇ **показа́ть, где ра́ки зиму́ют кому́-л.** *прост.* онаи

зори касеро нишои додан, адаби касеро дода мондаи; **узна́ть, где раки зиму́ют** *прост.* онаи зори худро дидан

зимо́вище *с уст. и обл. см.* **зимо́вье** 2

зимо́вк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **зимова́ть**) зимистонгузаронӣ; **~а скота́** зимистонгузаронии чорво; **~а су́дна** зимистонгузаронии киштӣ; **вы́брать ме́сто для ~и** барои зимистонгузаронӣ ҷой интихоб кардан 2. (*помещение*) бинои (ҷои) зимистонгузаронӣ, зимистонгоҳ // (*для животных*) саисхона, ахтахона, оғил; **~а для лошаде́й** саисхона 3. (*о фруктовых деревьях*) тирамоҳӣ; **я́блоня-~а** себи тирамоҳӣ

зимо́вник *м пчел.* кандухона, хонаи зимистонгузаронӣ (*биное, ки дар он қуттиҳои занбӯри асалро дар зимистон нигоҳ медоранд*)

зимо́вочн||ый, -ая, -ое зимистонӣ; **~ое па́стбище** чарогоҳи зимистонӣ

зимо́вщик *м* зимистонгузаронанда

зимо́вщица *женск. к* **зимо́вщик**

зимо́вье *с* 1. *обл.* зимистонгузаронӣ; **уйти́ в го́род на ~** барои зимистонгузаронӣ ба шаҳр рафтан 2. *см.* **зимо́вка** 2

зимо́й *нареч.* дар зимистон, дар фасли зимистон

зиморо́док *м зоол.* кабӯтак

зимосто́йк||ий, -ая, -ое (зимосто|ек, -йка, -йко) сармонотарс, ба хунукӣ тобовар; ба зимистон тобоваранда; **~ая пшени́ца** гандуми сармонотарс

зимосто́йкость *ж* ба хунукӣ (ба зимистон) тобовар будан(и), сармонотарс будан(и)

зимо́ю *нареч. см.* **зимо́й**

зи́мушка *ж фольк. ласк. к* **зима́** зимистон; **~-зима** зимистони азиз

зиму́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* зимистонгузаронанда 2. *прил.* сармонотарс, ба хунукӣ тобовар; **~ие ро́зы** гулҳои сармонотарс (ба хунукӣ тобовар)

зипу́н *м* чакман

зия́ние I *с* 1. (*по знач. гл.* **зия́ть**) воз будан(и), даҳан кушода истодан(и) (*мас. варта, чуқурӣ ва ғ.*) 2. (*пустота*) ҷои холӣ

зия́ние II *с лингв.* ҳамсоягии ду садонок (*вазъи ду овози садонок дар калима ё мобайни ду калима, ки калимаи якум бо овози садонок тамом шуда, калимаи дуюм бо овози садонок сар мешавад, мас.* ана Аҳмад)

зия́||ть *несов.* воз будан, даҳан кушода истодан; **под нога́ми ~ла бе́здна** дар таги по чуқурии бетаг воз буд; **коло́дец ~л черното́й** даҳони чоҳ сиёҳ метофт

злак *м* 1. *уст.* (*трава*) гиёҳи хушадор 2. *мн.* **зла́ки** растаниҳои хушадор; **хле́бные ~и** растаниҳои ғалладона

зла́ков||ый, -ая, -ое хушадор; **~ые расте́ния** растаниҳои хушадор

злати́ть *несов. что уст. поэт.* тиллоранг (тазҳиб, зарандуд) кардан, зарҳал задан (додан), ҳал давондан

злати́ться *несов. уст. поэт.* тиллоранг (заррин, зарринтоб) шудан

зла́тка *ж зоол.* заргинак (*як хел гамбуски зард*)

злато *с уст. поэт.* зар, тилло

злато: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «заррин», «тиллоранг»:* **златоку́дрый** зарринмӯй; **златогри́вый** зарриньёл

златове́рхий, -ая, -ое *уст. поэт.* зарринбом, заррингунбаз

златовла́сый, -ая, -ое *уст. поэт.* зарринмуй, тилломуй

златогла́вый, -ая, -ое *уст. поэт.* заргунбаз, гунбазтилло

златогри́вый, -ая, -ое *уст. поэт.* зарриньёл

злат||о́й, -ая, -о́е *уст. поэт.* 1. заррин, тиллоӣ 2. *перен.* зарринтоб, тиллоранг; **~ы́е ку́дри** муйҳои зарринтоб

златоко́ваный, -ая, -ое *уст. поэт.* тиллоӣ, зарринкуб

златоку́дрый, -ая, -ое *уст. поэт.* зарринмуй

злато́рогий, -ая, -ое *уст. поэт.* зарриншох

златостру́нный, -ая, -ое зарринтор

златотка́ный, -ая, -ое *уст. поэт.* зарбофт, зарбафт

злато́уст *м шутл. ирон.* зарринкалом, суханпардоз; нотиқ, сухангустар, суханоро

злачёный, -ая, -ое *уст. поэт.* зарандуд, зарандуда; зарҳалкорӣ

зла́чн||ый, -ая, -ое: **~ое ме́сто** *ирон.* ишратхона, макони айёшӣ

зле́йший, -ая, -ее *превосх. ст. от* **злой**

злеть *несов. разг.* ғазабнок (хашмгин) шудан, бадқаҳр (бадхашм) шудан

злить *несов. кого* хашмгин (оташин) кардан, ба ғазаб овардан

зли́ться *несов. на кого и без доп.* хашмгин (оташин) шудан, ба ғазаб омадан

зло I *с* 1. бадӣ, шар(р); **торжество́ добра́ над ~м** тантанаи некӣ бар бадӣ; **причини́ть ~ кому́-л.** ба касе бадӣ кардан 2. бадбахтӣ, фалокат, офат, бало; **из двух зол вы́брать ме́ньшее** аз ду бало хурдтарашро савоб дидан 3. *прост.* қаҳр, хашм, ғазаб; **меня ~ берёт (разбира́ет)** қаҳрам меояд, алам мекунад ◇ **ко́рень зла** асли бадӣ, решаи офат, неши касофат; **сорва́ть ~ на ко́м-л.** алами Исоро аз Мусо гирифтан; **употреби́ть во ~ что́-л.** чизеро ба қасди бад истифода кардан

зло II *нареч.* 1. хашмгинона, бадқаҳрона, газаболудона, бо кина, бо хашм, бо ғазаб; **~ посмея́ться** *над кем* заҳрханда кардан; **он ~ посмотре́л на меня́** у ба ман хашмгинона нигоҳ кард 2. (*свирепо, яростно*) сахт 3. *прост.* (*горячо, ретиво*) ғаюрона

зло: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «зарар», «бад», «талх»:* **зловре́дный** зарароввар

зло́б||а *ж* хашм, қаҳр, ғазаб, адоват, кина; **затаи́ть ~у** ба дил кина гирифтан; **по ~е** *прост.* бадқасдона, бо нияти бад ◇ **~а дня** масъалаи рузмарра, масъалаи муҳимми руз; **на ~у дня** дар мавзуи рузмарра

зло́бить *несов. кого уст.* хашмгин (оташин) кардан, ба газаб овардан

зло́биться *несов. на кого и без доп. уст. разг.* хашмгин (оташин) шудан, ба газаб омадан

зло́бно *нареч.* хашмгинона, бадқаҳрона, бо кина, бо адоват, ғазаболудона; **он ~ взгляну́л на меня́** у ба ман хашмгинона нигоҳ кард

зло́бность *ж* бадкинагӣ, бадқаҳрӣ, газабнокӣ

зло́бн||ый, -ая, -ое (зло́б|ен, -на, -но) хашмгин, бадқаҳр, ғазаболуд, бадкина; **~ый челове́к** одами бадкина; **~ый враг** душмани қаттол; **~ая мысль** андешаи бад; **~ый взгляд** нигоҳи кинадор

злободне́вность *ж* рузмарра будан(и); **~ те́мы** рузмарра будани мавзӯъ

злободне́вн||ый, -ая, -ое (злободне́в|ен, -на, -но) рузмарра, муҳимми руз; **~ый вопро́с** масъалаи рӯзмарра; **~ая те́ма** мавзуи муҳимми руз

зло́бствовать *несов.* душманӣ кардан, кина (адоват) варзидан, бадқаҳрӣ кардан, оташин шудан

злове́ще *нареч.* шумхабарона, бадқаҳрона, хашмгинона; **он ~ нахму́рился** у бадқаҳрона абру чин кард

злове́щ||ий, -ая, -ее (зловещ, -а, -е) шумхабар(она), шум, ҳавлангез, наҳс, мудҳиш; **~ая улы́бка** табассуми машъум; **~ая тишина́** оромии ваҳшатзо; **~ий вид** қиёфаи наҳс (шум); **~ие слу́хи** овозаҳои ҳавлангез; **~ий сон** хоби бад

злово́ние *с* бадбуӣ, тааффун; **распространя́ть (испуска́ть, издава́ть) ~** буи бад баровардан

зловре́дно *нареч.* бадхоҳона, ба таврӣ зиёновар, бадтинатона

зловре́дный, -ая, -ое (зловре́д|ен, -на, -но) зарарасонанда, зараровар, зиёновар; бадтинат, бадхоҳ(она); **~ челове́к** одами зараррасон, одами бадхоҳ; **~ посту́пок** кирдори бад

злоде́й *м* ҷинояткор, шарир, бадкирдор // (*притеснитель, мучитель*) бераҳм, золим, ҷафокор || *разг. бран.* (*негодяй*) нобакор, лаънатӣ

злоде́йка *ж* зани бадкирдор

злоде́йски *нареч.* ҷинояткорона, бадкирдорона; ваҳшиёна, шарирона

злоде́йск||ий, -ая, -ое ҷинояткор(она), бадкирдор(она); шарир(она), ваҳшиёна; **~ое уби́йство** қатли ҷинояткорона, одамкушии ваҳшиёна // (*коварный, злой*) маккор, бадкина

злоде́йство *с* ҷинояткорӣ, бадкирдорӣ, бадаъмолӣ

злоде́йствовать *несов. уст.* ҷиноят (бадкирдорӣ) кардан

злодея́ние *с см.* **злоде́йство**

злоехи́дный, -ая, -ое (злоехи́д|ен, -на, -но) *уст.* нешзабон, бадгап, бадзаҳр

зложела́тель *м уст.* бадхоҳ, кинавар, бадандеш

зложела́тельный, -ая, -ое *уст.* бадхоҳона, кинаварона, бадандешона

зложелательство *с уст.* бадхоҳӣ, кинаварӣ, бадандешӣ

злой, -ая, -ое (зол, зла, зло) 1. бад, шарир; **он ~ человек** у одами бад аст 2. бадқаҳр, хашмгин, ғазабнок, хашмолуд, пурхашм; **злые глаза** чашмони ғазабнок; **злое лицо** рун пурхашм; **злая улыбка** табассуми машъум // *в знач. сказ чаще кр. ф.* қаҳрӣ будан; **он зол на неё** аз у қаҳраш омадагӣ // пурхашм, пуркина, пурғазаб, бад; **злая мысль** андешаи бад; **злое чувство** ҳиссиёти бад; **~ умысел** қасди (нияти) бад 3. *(свирепый — о животных)* газанда; **злая собака** саги газанда 4. *(жестокий, мучительный)* азиятдиҳанда; **~ недуг** беморин азиятдиҳанда // *(о судьбе, участи и т. п.)* бад, шум; **злая доля (судьба)** қисмати бад, толеи шум // *(дурной, плохой)* шум, нохуш; **злые вести** хабархои шум 5. *(сильный, свирепый — о морозе, стуже)* сахт, пуршиддат, қаҳратун; **злая буря** бурони пуршиддат; **~ ветер** шамоли сахт 6. *в знач. сущ.* **злое** *с* бадӣ, шарр; **злое всегда отталкивает** шарр ҳамеша нафрати касро меорад 7. *перен. прост. (крепкий, забористый)* сахт, баланд, тунд, тез; **~ табак** тамокуи баланд; **злая горчица** хардали тунд 8. *(горячий, ретивый)* чолок, чобук, боғайрат, серғайрат, гузаро, ашаддӣ; **злые кони** аспони бидав; **он ~ охотник** у шикорчии гузаро аст // *в знач. сказ.* серғайрат будан; **он зол на работу, он ~ до работы** у девкор аст 9. *прост. (ядовитый, вредный)* заҳрнок, зарарнок; **злые травы** алафҳои заҳрнок; **~ смрад** буи бади заҳрнок ◇ **~ гений** *чей* тимсоли бадӣ, деви шар(р); **~ дух** *фольк. и миф.* иблис, шайтон, дев; **он ~ на язык** у бадзабон аст; **злые языки** ғайбатчиён, бадзабонҳо

злокачественность *ж* бадсифатӣ; хабосат, бадӣ, хатарнок будан(и)

злокачественн||ый, -ая, -ое (злокачествен, -на, -но) 1. ганда, хабис; **~ая опухоль** варами ғанда; **~ое малокровие** камхунии ганда 2. *уст. (порочный, преступный)* бад, хабис

злоключение *с* бадбахтӣ, фалокат

злокозненный, -ая, -ое *уст. книжн.* бадқасд, баднният; маккор

злонамеренно *нареч.* бадхоҳона, бадқасдона

злонамеренность *ж* бадхоҳӣ, бадқасдӣ

злонамеренный, -ая, -ое (злонамерен, -на, -но) бадхоҳ(она), бадқасд; **~ человек** одами бадхоҳ; **~ поступок** кирдори бадхоҳона

злонравие *с уст.* бадхӯӣ, бадфеълӣ; бадхислатӣ, бадхулқӣ

злонравный, -ая, -ое (злонрав|ен, -на, -но) *уст.* бадху, бадфеъл; бадхислат, бадхулқ

злопамятность *ж* бадкинагӣ, киначӯӣ, қасосгирӣ

злопамятный, -ая, -ое (злопамят|ен, -на, -но) бадкина, киначӯй, қасосгир

злопамятство *с уст. книжн. см.* **злопамятность**

злополучие *с уст.* бадбахтӣ, фалокат, сиёҳрӯзӣ

злополучный, -ая, -ое (злополуч|ен, -на, -но) бадбахт, сиёҳруз, сиёҳбахт, фалокатзада // *(послуживший причиной неприятности)* шум, бад, касиф

злопыхатель *м* нотавонбин, бадкина, кинаварз, бадхоҳ, бадхулқ

злопыхательски *нареч.* нотавонбинона, бадхоҳона, аз руи кина

злопыхательск||ий, -ая, -ое нотавонбинона, бадхоҳона, аз руи кина; **~ая критика** танқиди бадхоҳона

злопыхательство *с* нотавонбинӣ, бадхоҳӣ, кинаварзӣ

злопыхательствовать *несов.* нотавонбинӣ (бадхоҳӣ, бадхулқӣ) кардан

злорадно *нареч.* бо шамотат, бо заҳрханд, бо бадхоҳӣ, бо киначӯӣ

злорадн||ый, -ая, -ое (злорад|ен, -на, -но) бошамотат, бадчинс, бадхоҳ; **~ая улыбка** табассуми бошамотат (киначӯёна)

злорадство *с* шамотат, бадхоҳӣ

злорадствовать *несов.* аз бадбахтии дигарон шодӣ кардан, шамотат кардан

злоречивый, -ая, -ое (злоречив, -а, -о) *уст.* бадзабон, бадгӯ, бадгап

злоречие *с уст.* бадзабонӣ, бадгуӣ, бадгапӣ

злословие *с* бадгӯӣ, бадгапӣ, ғайбат

злословить *несов.* бадгӯӣ (бадгапӣ, ғайбат) кардан

злостно *нареч.* бадқасдона, фитнаомезона, кинаомез

злостность *ж* бадқасдӣ, бадниятӣ, фитнаомез будан(и)

злостный, -ая, -ое (злост|ен, -на, -но) 1. бадқасд, баднният, фитнаомез, кинаомез; **~ умысел** қасди бад 2. ноинсоф; **~ неплательщик** қарздори ноинсоф 3. ашаддӣ, ислоҳнопазир, гузаро; **~ преступник** ҷинояткори ашаддӣ; **~ клеветник** суханчини гузаро

злост||ь *ж* қаҳр, хашм, ғазаб, кина, рағм; **взглянуть со ~ью** бо ғазаб нигоҳ кардан; **плакать от ~и** аз алам гиристан; **меня ~ь берёт (разбирает)** ғазабам меояд, қаҳрам мехезад

злосчастие *с уст.* бадбахтӣ, сиёҳбахтӣ, бадтолеӣ; сарсахтӣ

злосчастный, -ая, -ое (злосчаст|ен, -на, -но) *уст.* бадбахт, сиёҳбахт, бадтолеъ; шум

злотый *м* злотый *(воҳиди пулӣ дар Польша)*

злоумышление *с уст.* бадқасдӣ, бадхоҳӣ; ҷинояткорӣ, бадсиголӣ

злоумышленник *м* ҷинояткор, муфсид, бадсигол

злоумышленница *женск. к* **злоумышленник**

злоумышленный, -ая, -ое *уст.* ҷинояткорона, бадқасдона, бадсиголона

злоумышлять *несов. что и без доп. уст.* қасди бад кардан; бадандешӣ (бадсиголӣ) кардан, ҷиноят кардан

злоупотребить *сов. чем* суиистифода (суиистеъмол) кардан; **~ доверием** аз эътимод суиистифода кардан; **~ властью** аз мақоми (аз қудрати) худ суиистеъмол кардан

злоупотреблени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **злоупотребить***)* суиистифода, суиистеъмол; **~е властью** суиистифода аз мақоми (аз қудрати) худ 2. суиистеъмол, ҷиноят; **вскрыть ~я** ҷиноятро ошкор (фош) кардан

злоупотреблять *несов. см.* **злоупотребить**

злоязычие *с уст.* бадзабонӣ, бадгуӣ; ғайбат

злоязычник *м уст.* бадзабон, бадгуй; суханчин

злоязычница *женск. к* **злоязычник**

злоязычный, -ая, -ое (злоязыч|ен, -на, -но) *уст.* бадзабон. бадгуй

злыдень *м уст. прост.* бадкирдор, ҷинояткор

злыдня *женск. к* **злыдень**

злюка *м, ж разг.* бадқаҳр, бадхашм, хашмгин; бадхулқ, асабонӣ

злючка *м, ж см.* **злюка**

злющий, -ая, -ее *разг.* бадқаҳр, хашмгин; бадхулқ, шарир

змееборец *м фольк.* аждаҳокуш, аждарафкан

змееборство *с фольк.* аждаҳокушӣ, аждарафканӣ

змеевидн||ый, -ая, -ое (змеевид|ен, -на, -но) мормонанд, моршакл; **~ые растения** растаниҳои моршакл

змеевик *м* 1. *тех.* найчаи (мили) морпеч 2. *мин.* змеевик *(як хел минерали сабзранг, ки тобишҳои гуногун дорад)*

змеелов *м* моргир

змеёныш *м* морбача, бачаи мор // *прост. бран.* морбача, тирморча *(дар бораи бачаи шум ва фиребгар)*

змееобразный, -ая, -ое (змееобраз|ен, -на, -но) *см.* **змеевидный**

змеин||ый, -ая, -ое 1. ...и мор; **~ый яд** заҳри мор; **~ый укус** газидани мор 2. *перен.* заҳрогин, нешдор, заҳрнок; **~ая улыбка** заҳрханда

змеистый, -ая, -ое морпеч, пурпечутоб, печутобдор

змеиться *несов.* морпеч шуда (печутоб хурда) рафтан

змей *м* 1. *уст. и прост.* мор 2. *фольк.* аждаҳо; **Змей-Горыныч** Аждаҳо *(дар афсонаи халқии рус муҷассамаи бадӣ ва тааддӣ)* 3. *(игрушка)* бодбарак ◇ **~ аэрологический** бодпаймои (ҳавопаймои) аэрологӣ *(планёри сабуки басташаванда барои ба қабатҳои баланди атмосфера баровардани асбобҳои худнавис)*

змейка *ж* 1. *уменьш. к* **змея** 1; 2. *ав.* змейка *(тарзи санъати олии парвоз, дараҷаи олии санъати самолётронӣ)* 3. *спорт. (фигура слалома)* лыжаронӣ бо роҳи морпеч 4. *с.-х.* змейка *(мошини галларо тоза ва ба навъҳо ҷудокунанда)*

змейковый, -ая, -ое ресмонбанд; **~ аэростат** аэростати ресмонбанд *(барои тадқиқи обу ҳаво)*

зме||я *ж* 1. мор; **ядовитая ~я** мори заҳрдор; **очковая ~я** мори айнакӣ; **гремучая ~я** шақшақамор 2. *в знач. нареч.* **змеёй** мор барин, морпеч шуда,

качу килеб ◇ **~я подколодная** *груб.-прост.* каждуми таги бӯрьё; **~ю на груди́ отогре́ть (пригре́ть)** мор дар бағал парваридан; **извива́ться ~ёй** 1) *перед кем* хушомадгуӣ (лаганбардорӣ, чоплусӣ) кардан; 2) ҳилагарӣ кардан

зми||й *м уст. книжн.* **1.** *см.* **змей** 1, 2; **2.** *(в христианской мифологии)* Иблис *(дар сурати мор)* ◇ **до зелёного ~я напи́ться** масти лояъқил шудан, масту аласт шудан

знава́ть *несов. разг. многокр. к* **знать** I

знак *м* **1.** *(метка)* нишона, тамға; **фабри́чный ~** тамғаи корхона (фабрика); **доро́жные ~и** фарсангсор, нишонаҳои сари роҳ **2.** *(след, отметина)* аломат, нишон, осор; **~ уши́ба** осори зарб **3.** *(признак, свидетельство)* аломат, шаҳодат; **молча́ние — ~ согла́сия** *посл.* сукут — аломати ризо // *(предзнаменование)* аломат, фол; **до́брый ~** фоли нек; **дурно́й ~** фоли бад **4.** *(сигнал)* имо, ишора; **де́лать ~и руко́й** бо даст имо кардан **5.** *(условное изображение)* аломат; **стенографи́ческие ~и** аломатҳои стенографӣ; **иероглифи́ческие ~и** аломатҳои иероглифӣ; **корректу́рные ~и** аломатҳои тасҳеҳ; **~ ра́венства** *мат.* аломати мусовӣ; **~и препина́ния** аломатҳои китобат, аломатҳои ист; **вопроси́тельный ~** аломати суол; **восклица́тельный ~** аломати хитоб; **твёрдый ~** аломати сакта // *(буква)* ҳарф // *полигр.* аломат; **печа́тный ~** аломати чопӣ **6.** *(значок)* нишон, нишон(а); **нагру́дные ~и** нишонҳои сарисинагӣ ◇ **~и зодиа́ка** *астр.* бурҷи дувоздаҳгона, дувоздаҳ бурҷи фалак; **Знак ка́чества** Нишони Сифат; **присво́ить Знак ка́чества** Нишони Сифат додан; **~и разли́чия** аломатҳои тафриқа *(дар либосҳои расмӣ)*; **водяны́е ~и** аломатҳои обгун *(аломатҳои беранг дар баъзе коғазҳои қиматдор ва махсус)*; **де́нежный ~** *уст.* пули коғазӣ; **почто́вый ~, ~ почто́вой опла́ты** маркаи почта; **в ~** *чего* ба шарафи..., ба аломати...; **в ~ проте́ста** ба аломати эътироз; **под ~ом чего́-л.** *книжн.* таҳти шиори чизе..., дар зери нишони чизе...; **под ~ом борьбы́ за мир** дар таҳти шиори мубориза барои сулҳ; **ста́вить ~ ра́венства** *между кем-чем* баробар шумурдан, мусовӣ донистан, яксон ҳисоб кардан

знако́мец *м уст. разг.* шинос, одами шинос

знако́мить *сов. кого-что* **1.** *с кем* ошно (шинос, шиносо) кардан, муаррифӣ кардан, шиносонидан; **~ прия́теля с бра́том** рафиқро бо бародари худ шиносо кардан **2.** *с чем* шинос кардан; **~ тури́стов с достопримеча́тельностями го́рода** сайёҳонро бо ҷойҳои шоёни диққати шаҳр ошно кардан

знако́миться *несов.* **1.** *с кем* ошно (шинос, шиносо) шудан; **~ с но́выми рабо́тниками** бо коркунони нав шинос шудан **2.** *с чем* шинос (шиносо) шудан; **~ с обстано́вкой** бо вазъият шиносо шудан; **~ с го́родом** бо шаҳр шиносо шудан

знако́мств||о *с* **1.** ошноӣ, шиносоӣ, шиносӣ; **завяза́ть ~о** ошноӣ пайдо кардан; **возобнови́ть ста́рое ~о** ошноии пештараро (собиқаро) барқарор кардан **2.** ошноҳо, шиносон; **у него́ бо́льшие ~а** у ошноҳои бисьёр дорад; **я растеря́л все свои́ ~а** ман ҳамаи ошноҳои худро гум кардам **3.** *с чем* шиносоӣ, донистан(и); **~о с исто́рией страны́** шиносоӣ бо таърихи мамлакат ◇ **шапо́чное ~о** шиносоии зоҳирӣ, ошноии саломуалайк; **с пе́рвого ~а** бо як дидан; **по ~у сде́лать (устро́ить) что́-л.** аз руи ошноӣ буд кардан, бо ошнобозӣ дуруст кардан

знако́м||ый, -ая, -ое (знаком, -а, -о) **1.** шинос, ошно; **~ая пе́сня** суруди ба гуш ошно; **его́ лицо́ мне ~о** афту андоми ӯ ба ман шинос аст **2.** шинос, балад; **он хорошо́ знако́м с ру́сской литерату́рой** у адабиёти русро нағз медонад; **мне ~а здесь ка́ждая тропи́нка** ҳар як роҳу пайроҳаи инҷо ба ман шинос аст **3.** шинос; **они́ ~ы с да́вних пор** онҳо кайҳо боз бо ҳамдигар шиносанд **4.** *в знач. сущ.* **знако́мый** *м*, **знако́мая** *ж* шинос, ошно; **ста́рый ~ый** ошнои дерина; **у нас здесь мно́го ~ых** мо дар ин ҷо шиносҳои бисьёр дорем

знамена́тел||ь *м мат.* махраҷ, махраҷи каср ◇ **привести́ к о́бщему (к одному́) ~ю** ба як махраҷ овардан

знамена́тельно *нареч.* аҳамиятнок, бисьёр муҳим, ҷолиби (шоёни) диққат

знамена́тельность *ж* аҳамиятнокӣ, муҳиммӣ; **~ собы́тия** аҳамияти воқеа

знамена́тельн||ый, -ая, -ое (знаменате|лен, -льна, -льно) **1.** аҳамиятнок, муҳим; **~ое собы́тие** воқеаи таърихӣ; **~ая да́та** санаи муҳим **2.** *грам.* мустақилмаъно; **~ые ча́сти ре́чи** ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ

знаме́ние *с уст. книжн.* **1.** *(знак, символ)* аломат, нишон, нишона, рамз **2.** *(предзнаменование)* фол, аломат; **худо́е ~** фоли бад; **небе́сное ~** *рел.* ҳодисоти саъду наҳс ◇ **~ вре́мени** ҳодисаи хоси давра; **кре́стное ~** салибкашӣ

знамени́тость *ж* **1.** шуҳрат, маъруфӣ, шуҳратмандӣ, номдорӣ; **~ певца́ росла́ с ка́ждым его́ выступле́нием** шуҳрати ҳофиз бо ҳар як баромади у меафзуд **2.** одами машҳур (номӣ, номдор); **он стал ~ю** вай одами номдор шуд

знамени́т||ый, -ая, -ое (знаменит, -а, -о) **1.** машҳур, номӣ, номдор, маъруф, овозадор; **~ый писа́тель** нависандаи машҳур; **э́тот край знамени́т свои́ми леса́ми** ин кишвар бо бешазорҳои худ машҳур аст **2.** *прост. (замечательный, превосходный)* барҷаста, олӣ, беҳтарин

знамённ||ый, -ая, -ое ...и байрақ; **~ое дре́вко** чуби байрақ

знаменова́ть *несов. что книжн.* нишон (шаҳодат) додан, ишорат (далолат) кардан, гувоҳ будан; **~ собо́й** гувоҳи *чизе* будан; **э́тот фильм знамену́ет собо́й но́вый эта́п в разви́тии киноиску́сства** ин фильм аз [фаро расидани] давраи нави инкишофи санъати кино далолат медиҳад

знаменова́ться *несов. уст.* қайд карда шудан

знамено́сец *м* байрақдор, аламдор, байрақбардор

знамено́сный, -ая, -ое ...и байрақдор; **~ отря́д** отряди байрақдор

знамёнщик *м* байрақбардор, байрақдор

зна́мо *прост. и обл. безл. в знач. сказ. вводн. сл.* албатта, маълум, корн маълум; **~ де́ло** маълум, аён

знамя *с* **1.** байрақ, алам; ливо; **полково́е ~** байрақи полк; **переходя́щее кра́сное ~** байрақи сурхи сайёр **2.** *перен.* байрақ, шиор; **~ коммуни́зма** байрақи коммунизм ◇ **подня́ть ~** *чего́-л.* байрақи чизеро афрохтан, сарварӣ кардан

зна́ни||е *с* **1.** дониш, донистан(и); **~е жи́зни** донистани ҳаёт; **~е языка́** донистани забон; **со ~ем де́ла** доноёна, ҳунармандона, бо кордонӣ **2.** *мн.* **зна́ния** маълумот, савод, дониш, маърифат; **получи́ть про́чные ~я в шко́ле** дар мактаб саводи пухта гирифтан; **облада́ть ~ями** маълумот доштан; **у меня́ не хвата́ет ~й** дониши ман кам аст **3.** *филос.* дониш; **о́бласть ~я** соҳаи дониш **4.** *(наука)* илм, фан

зна́тно *нареч. прост.* хуб, бисьёр хуб, нағз

зна́тность *ж уст.* асилзодагӣ, ашрофзодагӣ, аъёният

зна́тн||ый, -ая, -ое (зна́т|ен, -на́, -но) **1.** *тк. полн. ф.* номдор, машҳур, шуҳратнок, номӣ; **~ый хлопкоро́б** пахтакори номдор; **~ые лю́ди страны́** одамони номдори мамлакат **2.** *уст. (принадлежащий к знати)* асилзода, ашрофзода, ... ашроф, ... аъён, наҷиб **3.** *прост. (замечательный)* олӣ, бисьёр хуб, олиҷаноб

знато́к *м* донишманд, донишвар, кордон, устод; **~ му́зыки** донишманди мусиқӣ, мусиқишинос; **~ своего́ де́ла** устоди кори худ

знать I *несов.* **1.** *что, о ком-чём* донистан, огоҳӣ (хабар) доштан, бохабар (воқиф, огоҳ) будан; шинохтан; **~ наме́рения проти́вника** нияти душманро донистан, аз нияти душман бохабар будан; **все уже́ зна́ют о случи́вшемся** аз воқеа кайҳо ҳама хабардоранд; **я не зна́ю, где она́ живёт** ман ҷои истиқомати уро намедонам; **наско́лько я зна́ю...** ба андозае, ки ман медонам...; **как я могу́ об э́том ~?** ман инро аз куҷо донам? **2.** *что* донистан, балад будан; тасаввур[от] доштан; **~ язы́к** забон донистан; **~ своё де́ло** кори худро донистан, дар кори худ балад будан // *с неопр. или с прид. предл. (уметь)* тавонистан;

~, **как себя вести** одоби муоширатро риоя карда тавонистан; шинухез карда тавонистан 3. *кого (быть знакомым)* ошной доштан, шиносо будан; **я его совсем не знаю** ман бо у мутлақо шинос нестам; ~ **кого-л. по имени** номи касеро донистан; ~ **в лицо кого-л.** касеро аз руи қиёфа шинохтан 4. *что* ҳис кардан, дарк кардан, донистан, фаҳмидан; **я знаю, это даром не пройдёт** ман медонам, ки ин [кор] беҷазо намемонад 5. *что* аз сар гузаронидан, таҳаммул кардан; **он знал и горе и радость** у ҳам ғам ва шодиро аз сар гузарондааст 6. *чаще с отриц.* эътироф (иқрор) кардан; **он ~ ничего не хочет** у ба ҳеҷ чиз иқрор шудан намехоҳад 7. **знаешь, знаете** *в знач. вводн. сл.* оё медонӣ (медонед), медонӣ чӣ, медонед чӣ; **знаете, я уже совсем здоров** медонед чӣ, ман тамоман сиҳат шудам ◇ ~ **вдоль и поперёк (насквозь, наперечёт, как свои пять пальцев)** панҷ ангушт (панҷа) барин нағз донистан; ~ **все ходы и выходы** ҳамаи роҳу растаро донистан; роҳи даромаду баромадро донистан; ~ **за собой** *что* ба ягон камбудии худ иқрор будан; ~ **меру** аз ҳад нагузаштан; ~ **про себя** *прост.* нагуфтан, пинҳон доштан; ~ **своё место** ҳадди худро донистан (шинохтан); ~ **толк** *в ком-чём* ба кадри ҳалвою набот расидан, қадри ҳалвою наботро донистан; ~ **цену кому-чему-л.** ба қадри касе, чизе расидан; ~ **себе цену** кадри худро донистан; **дать** ~ *кому о ком-чём* хабар додан, хабардор кардан; **дать ~ о себе** худро маълум кардан; арзи ҳастӣ кардан; **дать себя ~** худро нишон додан, ҳис карда шудан; **не ~, куда глаза деть** сахт хиҷолат кашидан; **не ~, куда руки деть** аз шарм дасту по хурдан (худро гум кардан); **не ~, куда себя деть** чӣ кор карданро надонистан; **не могу ~** *уст.* намедонам; ~ **не знаю** ҳеҷ (асло) намедонам; **знай наших!** *прост.* мо ана ҳамин хел!, ба мо қоил шав!, бо мо шухӣ накун!; **знаем мы вас!** *прост. ирон.* кӣ будану чӣ будани шуморо медонем!, мо пусти шуморо дар чармгарӣ ҳам мешиносем!; **знай себе** *(в сочет. с гл.)* парвое накарда...; **а он знай себе покуривает** вай бошад парвое накарда тамоку мекашад; **бог знает кто (что, куда)** 1) худо медонад кӣ (чӣ, ба куҷо)... 2) чандон хуб нест; **будешь (будете) ~, как...** дониста мемонӣ (мемонед), ки..., дониста бош(ед), ки...; **как знаешь (знаете)** ихтиёрат(он), майлат(он); **как ~, кто знает** чӣ донам, аз куҷо [ме]донам, маълум нест, кӣ медонад; **кто его знает, бог (господь) его знает, чёрт его знает** кӣ медонад, худо медонад; **пора [и] честь ~** 1) бас аст, кофист 2) иззати нафси худро донистан даркор; вақти рафтан (хайру хуш) расид; **то и знай** *в сочет. с гл.* ҳамеша, доимо, дамодам, дам ба дам; **только и знает (знаю, знаешь), что...** ба ғайр аз ин дигар ҳеҷ корро намедонад (намедонам, намедонӣ); **аза в глаза не знает** алифро калтак мегуяд, балоро ҳам намедонад

знать II *вводн. сл. прост.* аз афташ, аз афти кор, эҳтимол, шояд

знать III *ж собир.* аъёну ашроф

знаться *несов. с кем-чем разг.* ошно будан, алоқа доштан; **он с тобой и ~ не хочет** у бо ту сарукор доштан ҳам намехоҳад, у туро писанд [у манзур] ҳам намекунад

знахарить *несов. обл.* духонӣ (азоимхонӣ) кардан

знахарка *женск. к* **знахарь**

знахарский, -ая, -ое ...и духон, ...и азоимхон; ...и духонӣ, ...и азоимхонӣ

знахарство *с* духонӣ, азоимхонӣ

знахарь *м* духон, азоимхон

значащ||ий, -ая, -ее маънидор; **~ие элементы речи** ҷузъҳои маънидори нутқ

значение *с* 1. маъно, маънӣ, мазмун; **прямое ~** маънои аслӣ; **переносное ~** маънои маҷозӣ 2. муҳиммӣ, аҳамият; **историческое ~** аҳамияти таърихӣ; **иметь ~** аҳамият доштан; **придавать ~** аҳамият додан; **~ витаминов для жизнедеятельности организма** аҳамияти витаминҳо барои фаъолияти ҳаётии организм; **~ Пушкина для развития русского литературного языка** аҳамияти Пушкин дар инкишофи забони адабии русӣ

значимость *ж* 1. маънидорӣ, маънинок будан(и); **~ слова** маънидории калима 2. аҳамиятдорӣ, аҳамиятнокӣ, аҳамият; **общественная ~** аҳамияти ҷамъиятӣ, дорои аҳамияти ҷамъиятӣ

значим||ый, -ая, -ое 1. маънидор, маънинок, бомаънӣ, пурмаънӣ; **~ые слова** суханҳои пурмаънӣ 2. *(важный)* муҳим, боаҳамият, пураҳамият

значит *вводн сл. разг.* яъне, пас, аз ин мебарояд ки..., маълум аст ки..., гуед; **~, вам пора ехать?** пас, вақти рафтани шумо шуд?

значительно *нареч.* 1. бисьёр, хеле, анча; **состояние больного ~ улучшилось** аҳволи бемор хеле беҳтар шуд; **вода в реке поднялась ~ выше своего обычного уровня** оби дарьё аз сатҳи муқаррарии худ хеле баланд шуд 2. маънидорона; **он ~ посмотрел на меня** у ба ман маънидорона нигоҳ кард

значительность *ж* 1. бузургӣ, калонӣ; **~ расстояния** дурии масофа; **~ объёма** бузургии ҳаҷм 2. аҳамият доштан(и), аҳамиятнокӣ, муҳим будан(и), аҳамиятдорӣ; **~ события** аҳамиятнокии воқеа 3. маънидорӣ; **~ взгляда** маънидор будани нигоҳ

значительн||ый, -ая, -ое (значител|ен, -льна, -льно) 1. бисьёр, хеле калон, бузург; **~ая сумма** маблағи бисьёр; **в ~ой мере (степени)** ба андозаи хеле калон; **~ый успех** муваффақияти бузург 2. муҳим, аҳамиятнок; **~ые события** воқеаҳои муҳим // *уст. (влиятельный)* бонуфуз, мӯътабар; **~ое лицо** шахси мӯътабар 3. маънидор; пурмаънӣ; **~ый взгляд** нигоҳи маънидор

значи||ть *несов. что* 1. маънӣ (маъно) доштан, далолат кардан; ишорат кардан, ифода кардан; **что это ~т?** ин чӣ маънӣ дорад?; **это что-нибудь да ~т** ин ягон маънӣ дорад 2. аҳамият (эътибор) доштан, муҳим будан; **ничего не ~ть** ҳеҷ аҳамият надоштан, ҳеҷ будан

значит||ься *несов.* дар қайд (дар ҳисоб) будан; **он ~ся в списке** у дар руйхат ҳаст

значкист *м* нишондор, дорои нишон(а); ~ **ГТО** дорои нишони ГТО

-значный, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки миқдори рақамҳои шумораро нишон медиҳад:* **однозначный** якрақама, якхонагӣ; **трёхзначный** серақама, сехонагӣ

значок *м* 1. нишон, нишона; **университетский ~** нишони университет; **комсомольский ~** нишони комсомолӣ 2. аломат; **математический ~** аломати математикӣ // *(пометка)* ишора; **поставить значки на полях книги** дар ҳошияи китоб ишора гузоштан

знающий, -ая, -ее 1. *прич.* донанда 2. *прил.* доно, олим, пуртаҷриба, донишманд, корогоҳ; **он ~ человек** у одами доност

зноби||ть *несов. безл. кого* табу ларза гирифтан, вараҷа гирифтан; **меня сильно ~т** маро сахт табу ларза гирифт

знобиться *несов. прост.* ба табу ларза гирифтор шудан, ба табу ларза афтодан, вараҷа гирифтан

знобкий, -ая, -ое (зноб|ок, -ка, -ко) *прост.* 1. хунукхӯр 2. сард, хунук; **~ ветер** шамоли хунук

зной *м* 1. гармӣ, таф, тафс, ҳарорат, гармо; **полуденный ~** тафси нисфирузӣ; **летний ~** гармои тобистон; **~ спадает** ҳарорати ҳаво фуромада истодааст 2. *перен. уст. (пыл)* ҷӯшу хуруш, авҷ

знойно *безл. в знач. сказ.* тафсон (бисьёр гарм, сӯзон) аст; **на улице ~** куча бисьёр гарм аст

знойн||ый, -ая, -ое (зно|ен, -йна, -йно) 1. тафсон, сӯзон, бисьёр гарм; **~ое солнце** офтоби сузон; **сегодня ~ый день** имруз ҳаво тафсон аст 2. *перен. (пылкий)* пурҳарорат, пурҷӯшу хуруш

зоб *м* 1. *(у птиц)* ҷиғилдон 2. *мед.* ғуррӣ, ҷоғар

зобастый, -ая, -ое (зобаст, -а, -о) 1. *(о птицах)* ҷиғилдонкалон 2. *мед.* ғуррӣдор, ҷоғардор

зобатый, -ая, -ое (зобат, -а, -о) *прост. см.* **зобастый**

зобн||ый, -ая, -ое *мед.* ...и ғуррӣ, ...и ҷоғар; **~ая опухоль** варами ғуррӣ

зов *м* 1. ҷеғзанӣ, садо, фарьёд; **явиться на ~** фарьёди касеро шунида омадан 2. *разг.* даъват

зовущий, -ая, -ее 1. *прич.* ҷеғзананда, фарьёдкунанда 2. *прил. (влекущий, манящий)* ба худ ҷалбкунанда,

ба суи худ кашанда; дилфиреб, ҷозибадор

зодиа́к *м астр.* бурҷи дувоздаҳгона, минтақатулбурҷ; **зна́ки ~а** аломатҳои бурҷи дувоздаҳгона

зодиака́льн||ый, -ая, -ое ...и бурҷи дувоздаҳгона, ...и минтақатулбурҷ; **~ые созве́здия** галаситораҳои бурҷи дувоздаҳгона

зо́дческ||ий, -ая, -ое меъморӣ, ...и бинокорӣ; **~ое иску́сство** санъати меъморӣ

зо́дчество *с* меъморӣ, бинокорӣ

зо́дчий *м высок.* меъмор, бинокор

зо́ил *м книжн.* бадгир, мунаққиди бадхоҳ, хурдагир

зола́ *ж* хокистар

золе́ние *с* (*по знач. гл.* **золи́ть**) ишқор додан(и)

золён||ый, -ая, -ое *кож.* ишқордодашуда; **~ая ко́жа** пусти ишқордодашуда

золи́льный, -ая, -ое *кож.* ...и ишқордиҳӣ; **~ чан** чалаки ишқордиҳӣ

золи́стость *ж* серхокистар будан(и); **~ у́гля** серхокистар будани ангиштсанг

золи́стый, -ая, -ое (золи́ст, -а, -о) серхокистар; **~ у́голь** ангишти серхокистар

золи́ть *несов. что кож.* ишқор додан; **~ шку́ру** пӯстро ишқор додан

золо́вка *ж* хоҳаршуй

золота́рник *м. бот.* зарригул

золота́рь *м уст.* **1.** (*ювелир*) заргар **2.** (*золотоискатель*) заршуй, тиллоков **3.** *прост.* (*ассенизатор*) ахлоткаш, нурикаш

золоте́ть *несов. разг. см.* **золоти́ться** 1, 2

золоти́льщик *м* заргар

золоти́стость *ж* зарринтобӣ, тиллоранг (тиллогин, заррин) будан(и)

золоти́ст||ый, -ая, -ое (золоти́ст, -а, -о) **1.** тиллоранг, тиллогин, заррин; **~ая рожь** ҷавдори тиллоранг; **~ые во́лосы** муи тиллоранг **2.** *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои ботаники, зоологи ва минералӣ* зард; **~ый лю́тик** *бот.* чинораки зард

золоти́||ть *несов. что* **1.** зарандуд кардан, зарҳал давондан, зарҳал кардан, оби тилло давондан; **~ть ло́жки** ба қошуқҳо зарҳал давондан **2.** *поэт.* тиллоранг (заррин, зарандуд) кардан; **со́лнце ~т верши́ны гор** хуршед қуллаҳои кӯҳро тиллоранг мекунад

золоти́ться *несов.* **1.** (*выделяться — о золотистом*) тиллоранг намудан, заргун тофтан **2.** (*становиться золотым*) тиллоранг (заррин) шудан, зарринтоб шудан

зо́лотко *с обращ. разг.* азизам, ҷонам, дурри яктоям

золотни́к I *м уст.* (*мера веса*) мисқол (*воҳиди қадимаи вазн, ки ба* $\frac{1}{96}$ *қадоқ — қариб* 4,26 *г баробар* аст); **мал ~, да до́рог** *погов.* ~ тилло гарчи хурд аст, қиматаш бузург аст

золотни́к II *м тех.* золотник, пистонак, забонак (*таҷҳизоти тақсим кардани буғ, моеъ ва газ дар мошинҳои бухор, гидравлики ва пневматики*)

золотнико́вый I, -ая, -ое *уст.* ...и мисқол, якмисқолӣ

золотнико́в||ый II, -ая, -ое *тех.* ...и золотник, ...и забонак; **~ая решётка** панҷараи золотник

зо́лот||о *с* **1.** зар, тилло; **червонное ~о** тиллои тезоб (сурх); **чи́стое ~о** зари ноб (холис) **2.** *собир.* (*изделия*) чизҳои (ашёи) тиллогин (заррин) // ресмони (нахи) заррин; **шить (вышива́ть) ~ом** зардӯзӣ кардан **3.** *собир.* (*деньги*) пули тилло // *разг.* (*медали*) медальҳои тилло (*мукофоти мусобиқаи варзишӣ*) **4.** *в знач. сказ. разг.* тилло (тилло барин) аст; **дочь у меня́ ~о** духтари ман тиллост ◇ **бе́лое ~о** (*хлопок*) тиллои сафед; **мя́гкое ~о** (*пушнина*) тиллои нарм; **чёрное ~о** (*нефть*) тиллои сиёҳ; **на вес ~а** ба нархи тилло; баробари тилло; **купа́ться в ~е** бисьёр бой будан; **не всё то ~о, что блести́т** *посл.* ~ на ҳар чи ки дурахшад тиллост; на ҳар чӣ ба сурат некӯст, сирати нек дар уст; **сло́во — серебро́, молча́ние — ~о** *посл.* даҳони пӯшида сад тилло

золото- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «заррин», «тилло»:* **золотоно́сный** зархез, зарафшон, тиллодор; **золотоволо́сый** зарринмуй

золотоволо́сый, -ая, -ое (золотоволос, -а, -о) зарринмуй

золотодобыва́ющ||ий, -ая, -ее ...и истихроҷи тилло; **~ая промы́шленность** саноати истихроҷи тилло

золотоиска́тель *м* заршуй, тиллоков

золотоиска́тельск||ий, -ая, -ое ...и заршуй, ...и тиллоков; **~ая па́ртия** гурӯҳи тиллоковон

золот||о́й, -а́я, ое **1.** заррин, тиллогин; **~ы́е сли́тки** тиллоҳои рехта; **~ы́е при́иски** кони тилло // (*из золота*) ...и тилло; **~о́е кольцо́** ангуштарини тилло; **~ы́е часы** соати тилло // (*шитый золотом*) зарбофт; зардӯзӣ // (*исчисляемый на золото*) ...и тилло; **~а́я валю́та** валютаи (пули) тилло; **~о́й рубль** суми тилло // *в знач. сущ.* **золото́й** *м уст.* тилло; **оди́н ~о́й** як тилло **2.** (*золотистый*) зарринтоб, тиллоранг; **~ы́е ку́дри** муйҳои ҷингилаи зарринтоб (тиллоранг) **3.** *перен.* (*замечательный*) бебаҳо, гаронбаҳо, беҳтарин, аъло; **~о́й рабо́тник** коркуни бисьёр нағз; **у него́ ~о́е се́рдце** у дили наҷиб дорад; **~ы́е слова́** суханони оличаноб **4.** *перен.* (*счастливый*) босаодат, хушбахтона; хуш **5.** *перен. обращ.* (*дорогой, любимый*) азизам, ҷоноҷонам; **~ы́е мои́!** азизони ман! **6.** *қисми таркибии баъзе номҳои ботаники, зоологӣ ва минералӣ* заррин, ...и тилло, тиллоранг; **~о́й жук** гамбуски заргинак; **~а́я ры́бка** зармоҳӣ, зарринмоҳӣ ◇ **~о́й век** асри тиллоӣ; **~ы́х дел ма́стер** заргар; **~о́е дно** кори сердаромад; ганҷи беранҷ; **~о́й дождь** давлати бодовард (*пули калони ногаҳон ба даст даромада*); **~а́я лихора́дка** васвасаи тилло (*дар мамлакатҳои капиталистӣ ошубу ҳаяҷонеро мегуянд, ки ба муносибати кашф шудани кони нави тилло ҷамъ-ниятро фаро мегирад*); **~о́й мешо́к** дуньёдор, симу зардор, хеле бой; **~а́я молодёжь** *презр.* буйдоқиҳои такасалтанг; **~а́я о́сень** тирамоҳи заррин, айёми хушобу ҳавои тирамоҳ; **~ая ро́та** *уст. прост.* пойлуҷон, оворагардон; **~ы́е ру́ки** 1) устои гулдаст 2) **у кого́-л.** одами дасташ гул 3) ҳунарварӣ; **~ое руно́** пашми заррин, пусти зарринтоб; **~а́я середи́на** беҳтарин, аз ҳама дуруст, хайрулумури авсатаҳо; **~о́е сече́ние** мақтаъи муҳандам (*таносубе, ки дар он нисбати як қисм ба қисми дигар монанди нисбати тамоми воҳид ба қисми аввали он мебошад*); **~о́й станда́рт** *эк.* стандарти тилло (*шакли таикили капиталистонаи роиҷи пулӣ иборат аз иваз кардани пулҳои коғазӣ ба тилло ё худ валютаи хориҷӣ*); **~о́й телёц** *книжн.* давлату сарват, симу зар; **~о́й фонд** 1) захираи тилло 2) дурри якто, ганҷина; гавҳари ноёб; **сули́ть (обещать) ~ы́е го́ры кому́-л.** ба касе қанор-қанор ваъда додан, домани касеро бо чормағзи пуч пур кардан; **теря́ть (упуска́ть) ~о́е вре́мя** вақти қиматбаҳоро аз даст додан

золотоно́сность *ж* тиллодор (зарафшон) будан(и)

золотоно́сный, -ая, -ое (золотоно́с|ен, -на, -но) тиллодор, зарафшон; **~ песо́к** реги тиллодор

золотопромы́шленник *м* **1.** (*владелец приисков*) соҳиби конҳои тилло **2.** (*рабочий*) заршуй, тиллоков

золотопромы́шленность *ж* саноати тилло

золотопромы́шленный, -ая, -ое ...и саноати тилло; **~ райо́н** мавзеи саноати тилло

золоторо́тец *м уст. прост.* пойлуч, оворагард, дайду, сакалту

золотосодержа́щ||ий, -ая, -ее тиллодор; **~ая поро́да** маъдани тиллодор

золототка́ный, -ая, -ое зарбофт; зардузӣ

золотошве́йка *ж* чевари зардуз

золотошве́йн||ый, -ая, -ое ...и зардузӣ; **~ая мастерска́я** корхонаи зардузӣ

золоту́ха *ж разг.* ширинча

золоту́шн||ый, -ая, -ое *разг.* **1.** ...и ширинча; **~ые пя́тна** доғҳои ширинча **2.** ба ширинча гирифторшуда; **~ый ребёнок** кудаки ширинча баровардагӣ

зо́лотце *с см.* **зо́лотко**

золо́тчик *м* зарҳалкор

золоудале́ние *с тех.* хокистаркашӣ (*аз олавхона*)

золоулови́тель *м тех.* хокистаркашак (*асбобе, ки хокистарро ба ҳаво баромадан намемонад*)

золоче́ние *с* (*по знач. гл.* **золоти́ть** 1) зарандудкунӣ, зарҳалдавонӣ

золочённый *прич.* (золоч|ён, -ена́, -ено́) зарҳал кардашуда, оби тилло давондашуда, зарандуд

золочён||ый, -ая, -ое зарҳалӣ, зарандуд, ...и зарҳал; **~ые ложки** қошуқҳои зарҳалӣ

золь *м* золь *(заррачаҳои хурдтарини ягон модда, ки дар моеъ, ҷисми сахт ва муҳити газмонанд мавҷуд аст)*

зо́льник *м* 1. *тех.* хокистардон; **закры́ть ~** хокистардонро пӯшидан 2. *кож.* чалаки тезоб

зольность *ж* хокистар доштан(и), хокистарнокӣ; **~ у́гля** хокистарнокии ангишт

зо́льн||ый, -ая, -ое ...и хокистар; **~ая я́ма** чуқурии хокистар; **~ый щёлок** хокистароб, ишқороб; **~ые удобре́ния** нурии хокистар

зо́на *ж* 1. минтақа, ноҳия, доира; **климати́ческая ~** минтақаи иқлимӣ; **~ расти́тельности** минтақаи растаниҳо; **лесна́я ~** минтақаи бешазор; **~ вое́нных де́йствий** мавзеи (доираи) амалиёти ҳарбӣ 2. *геол., палеонт.* табақа; **континента́льная ~ морского дна** табақаи континенталии қаъри баҳр

зона́льность *ж* минтақавӣ будан(и); **~ почв** минтақавӣ будани намудҳои хок

зона́льн||ый, -ая, -ое минтақавӣ, ...и ноҳия; **~ая расти́тельность** растаниҳои минтақавӣ; **~ые соревнова́ния** мусобиқаҳои минтақавӣ

зонд *м* 1. *мед.* зонд, мисбор *(асбобест барои таҳқиқи узвҳои дарун ва тоза кардани меъдаи одам)* 2. *тех.* парма; **по́чвенный ~** пармаи замин (хок) 3. *метео* кураи метеорологӣ *(аэростати хурд барои тадқиқи қабатҳои болоии атмосфера)*

зонда́ж *м см.* **зонди́рование**

зонди́рование *с (по знач. гл.* **зонди́ровать** *)* бо зонд тадқиқ кардан(и); парма кардан(и)

зонди́ровать *несов. что* 1. *мед.* бо зонд таҳқиқ кардан; **~ ра́ну** бо зонд ҷароҳатро таҳқиқ кардан 2. *тех.* парма кардан ◇ **~ по́чву** [қаблан] бо вазъият ошно шудан, огоҳӣ пайдо кардан

зо́нный, -ая, -ое минтақавӣ, зонагӣ; **~ тари́ф** *ж.-д.* нархи минтақавӣ

зонт *м* 1. *см.* **зо́нтик**; 2. *(навес)* шипанг

зо́нтик *м* 1. соябон, чатр, шамсия; **раскры́ть ~** соябонро кушодан 2. *разг. (козырёк)* лапар 3. *бот.* соябонгул, тудагул

зо́нтичн||ый -ая, -ое 1. ...и соябон; **~ая ткань** газвори соябонвор 2. соябонмонанд, соябоншакл; **~ая па́льма** нахли соябоншакл 3. *в знач. сущ.* **зо́нтичные** *мн. бот.* чатргулон

зоо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои зерин:* 1) *мансубиятро ба олами ҳайвонот нишон медиҳад* — **зоогеогра́фия** географияи ҳайвонот 2) *маънои «мансуб ба зоология» -ро ифода мекунад* — **зоокабине́т** кабинети зоология

зооветерина́рный, -ая, -ое зооветеринарӣ; **~ институ́т** институти зооветеринарӣ

зоогеограф *м* мутахассиси зоогеография

зоогеографи́ческий, -ая, -ое ...и зоогеография

зоогеография *ж* зоогеография *(илми оид ба паҳн шудани ҳайвонот дар рӯи замин)*

зоогигие́на *ж* зоогигиена *(илми нигаҳдории тандурустии ҳайвонот)*

зоолог *м* зоолог, олими ҳайвонотшинос

зоологи́ческий, -ая, -ое 1. зоологӣ, ...и зоология, ...и илми ҳайвонотшиносӣ; **~ музе́й** музеи зоологӣ 2. *перен.* дағал, ҳайвонона

зооло́гия *ж* зоология, илми ҳайвонотшиносӣ

зоомагази́н *м* зоомагазин, магазини зоологӣ

зооморфи́зм *м* зооморфизм, ҳайвонотпарастӣ *(эътиқоди диниест, ки худоро дар шакли ҳайвонот тасаввур мекард)*

зооморфи́ческий, -ая -ое ...и зооморфизм

зоопа́рк *м* боғи ҳайвонот

зооса́д *м* боғи ҳайвонот

зооспо́ра *ж биол.* зооспора *(ҳуҷайраест, ки бо ёрии органи риштамонанди худ дар об шино мекунад ва боиси бе муносибати ҷинсӣ афзудани обсабзаҳои гуногун ва занбӯруғчаҳои оддӣ мешавад)*

зоотéхник *м* зоотехник

зоотéхника *ж см.* **зоотéхния**

зоотехни́ческ||ий, -ая, -ое зоотехникӣ; **~ие мероприятия** тадбирҳои зоотехникӣ

зоотéхния *ж* зоотехния *(илми зиёд намудан, парвариш ва дуруст истифода кардани ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ)*

зо́ренька *ж фольк. ласк. к* **заря́** 1 саҳаргоҳон, сабоҳ, сапедадам

зори́ть *несов. кого-что обл. (разоря́ть)* хонавайрон (ғорат, бенаво) кардан

зорк||ий, -ая, -ое (зо́р|ок, -ка́, -ко) 1. тез, тезбин; **~ие глаза́** чашмони тез; **~ий охо́тник** мергани тезбин 2. *перен.* ҳушьёр, зирак, борикбин; **~ий поли́тик** сиёсатмадори борикбин

зо́рко *нареч.* ҳушьёрона, зиракона

зо́ркость *ж* 1. тезбинӣ, тезии чашм 2. *перен.* ҳушьёрӣ, зиракӣ

зороастри́зм *м* дини зардуштӣ

зароастри́йцы *мн.* зардуштиён

зо́рька *ж* 1. *фольк. и разг. ласк. к* **заря́** 1 субҳ, саҳар, сапедадам, сабоҳ 2. *обл. (ветерок на заре)* насими саҳарӣ

зра́зы *мн. (ед.* **зра́за** *ж) кул.* куфтаи қимадор, зразы

зрак *м уст. книжн.* 1. *(взор)* нигоҳ 2. *(вид, образ)* намуд, тимсол

зрачко́вый, -ая, -ое ...и мардумаки чашм; **~ нерв** тори асаби мардумаки чашм

зрач||о́к *м* мардумаки чашм, гавҳараки чашм; **суже́ние ~ка́** танг шудани гавҳараки чашм

зре́лищ||е *с* 1. манзара, назаргоҳ; **~е пожа́ра** манзараи сӯхтор 2. *уст.* мушоҳида, муоина, муроқиба 3. намоиш, тамошо; **ма́ссовые ~а** тамошои умумӣ (оммавӣ)

зре́лищн||ый, -ая, -ое ...и тамошо, ...и намоиш, намоишӣ; **~ые предприя́тия** муассисаҳои намоишӣ, тамошохонаҳо

зре́ло *нареч.* пухта, мукаммал

зре́лост||ь *ж* 1. расидагӣ, пухтагӣ, пухта будан(и); **~ь фру́ктов** пухта будани мева; **восковая ~ь** *с.-х.* нимдунбул 2. балоғат, рушд, камол, булуғ; **дости́гнуть ~и** ба балоғат расидан, болиғ шудан; **половая ~ь** ҳадди булуғ 3. *перен.* пухта (санҷидашуда, баркамол) будан(и); **~ь худо́жника** баркамолии рассом ◇ **аттестат ~н** *уст.* номаи камол

зре́л||ый, -ая, -ое (зрел, -а, -о) 1. пухта, расида; **~ый виногра́д** ангури пухта 2. болиғ, ба балоғат расида, ба камол расида, баркамол; **он уже́ не юноша, а вполне́ ~ый челове́к** у дигар ҷавон не, балки одами комилан болиғ аст 3. *(о возрасте и т. п.)* ...и балоғат; **~ый во́зраст** синни балоғат 4. *перен.* пухта, баркамол, ба камол расида; **~ый писа́тель** нависандаи баркамол; **~ое произведе́ние** асари пухта

зре́ни||е *с* биниш, басират, чашм; **орган ~я** чашм; **слабое ~е** чашми хира (занф); **о́строе ~е** чашми тез; **име́ть хоро́шее ~е** чашми бақувват доштан; **потеря́ть ~е** аз чашм мондан, нобино (кӯр) шудан; **досту́пный ~ю** аён, намоён ◇ **поле ~я** доираи назар (дид); **обман ~я** саҳви назар, ғалати чашм; **то́чка (у́гол) ~я** нуқтаи назар, назаргоҳ; **с то́чки (под угло́м) ~я** аз нуқтаи назари...; **обрати́ться в ~е** бо диққат нигоҳ кардан, чашм дӯхтан

зреть I *несов.* 1. пухтан, расидан, сабзида расидан 2. *перен.* ба камол расидан, рушд шудан

зреть II *несов. уст. книжн.* 1. *кого-что (видеть)* дидан 2. *на кого-что (смотреть)* нигоҳ (назар) кардан

зре́ться *несов. уст. книжн.* 1. намудор (аён, намоён) будан 2. ба назар намудан, ба назар расидан

зри́мо *нареч. книжн.* барьало, возеҳ

зри́мость *ж книжн.* дидашавандагӣ; аёнӣ, ба назар намоён будан(и)

зри́м||ый, -ая, -ое (зрим, -а, -о) *книжн.* 1. аён, ба назар намоён, қобили дид; **~ый мир** олами аён 2. *перен.* барьало, ҳиссшаванда; **~ые черты́ коммуни́зма** нишонаҳои барьалои коммунизм

зри́тел||ь *м* 1. тамошобин, бинанда; нозир, нигоҳкунанда; **толпа́ ~ей** тудаи тамошочиён 2. *(в театре и т. п.)* тамошобин; **места для ~ей** ҷои тамошобинон

зри́тельница *женск. к* **зри́тель**

зри́тельн||ый, -ая, -ое 1. ...и биниш, ...и қувваи босира; **~ая память** ҳофизаи чашм (басари); **~ый нерв** асаби бинои 2. ...и тамошо, ...и намоиш; **~ый зал** зали (толори) тамошо ◇ **~ая труба́** дурбин

зри́тельский, -ая, -ое ...и тамошобин

зря *нареч. разг.* беҳуда, бекора, бефоида; **~ тра́тить де́ньги** беҳуда пул

сарф (харҷ) кардан ◇ **бить почём ~** мурданивор задан; **врать почём ~** дурӯғи шохдор гуфтан; **ругать почём ~** сахт ҳақорат кардан

зрячий, -ая, -ее (зряч, -а, -е) *прил. и в знач. сущ. м* бино

зряшный, -ая, -ое *прост.* беҳуда, бефоида, бекора

зуав *м* зуав (*солдати қушунҳои мустамликавии француз аз аҳолии Африкаи Шимолӣ*)

зуб *м* **1.** (*мн.* **зубы**) дандон; **~ мудрости** дандони ақл; **глазные ~ы** дандонҳои ашк; **коренные ~ы** дандонҳои курсӣ; **молочные ~ы** дандонҳои шир, дандонҳои аввалин; **передние ~ы** дандонҳои пеш; **вставные ~ы** дандонҳои сохта, дандонҳои ориятӣ **2.** (*мн.* **зубья**) дандона; **~ья бороны** дандонаҳои мола; **~ья пилы** дандонаҳои арра ◇ **на один ~** бисьёр кам, андак; **не по ~ам** *кому прост.* дандоншикан, дандон намегузарад; **вооружённый до ~ов** сар то по яроқнок шуда; **~ на ~ не попадает** *у кого прост.* дандон ба дандон намерасад; **~ами держаться (ухватиться) за что-л.** *прост.* ба чизе сахт часпида гирифтан; **~ы разгорелись** *у кого на что прост.* оби дахан рафт, ҳавасаш *ба чизе* рафт; **~ы съел на чём-л.** дар ягон кор усто (моҳир, пухта) шуд; **в ~ах навязло** *у кого прост.* ба дил зад, ба ҷон расид, безор кард; **ни в ~ [ногой], ни в ~ толкнуть** *прост.* алифро аз калтак фарқ намекунад; **вооружиться до ~ов** сар то по мусаллаҳ (яроқнок) шудан; **вырвать из ~ов** *прост.* канда гирифтан; **глядеть (смотреть) в ~ы** *кому уст.* ибо (нозбардорӣ) кардан; **дать в ~ы кому-л.** 1) (*ударить*) ба фуки (тумшуқи) касе фаровардан; ба таги ҷоғ фаровардан 2) (*дать взятку*) пора (ришва) додан, гулуи касеро равған кардан; **держать язык за ~ами** лаб фуру бастан, забон нигоҳ доштан; **заговаривать ~ы** *прост.* болои гапро пушидан; гапро ба дигар тараф бурдан; **иметь ~ на (против) кого-л.** ба касе кина (қасд) доштан; **класть ~ы на полку** чирки дандон ҷаббидан; **ломать ~ы** *на чём, обо что* зури беҳуда зада миён шикастан; **показать ~ы** нохун баровардан, бадраъй нишон додан; **разжать ~ы** даҳан кушода гап задан; **скалить ~ы** *прост.* ришханд задан; **сквозь ~ы говорить (шептать, бормотать)** 1) (*невнятно*) зери лаб гуфтан 2) (*свысока*) дилу бедилон (бо дили нохоҳам) гуфтан; **скрежетать ~ами от злости** дандон ба дандон монда оташи ғазаби худро фуру нишондан; **чесать ~ы** *прост.* варсоқӣ гуфтан, лаққидан; ғайбат кардан; **щёлкать ~ами** *прост.* сахт гуруснагӣ кашидан; **дарёному коню в ~ы не смотрят** *посл.* ≈ хар чӣ аз дуст расад, некуст; **видит око, да ~ неймёт** *погов.* ≈ дил кашолу даст кутоҳӣ мекунад; гурбаро дунба нарасидааст; **око за око, ~ за ~** *погов.* ба кирдори бад сазои бад; ба ҷуз бад набошад мукофоти бад

зубастость *ж разг.* **1.** тездандонӣ, дандонтезӣ **2.** *перен.* теззабонӣ, талхзабонӣ, шаттоҳӣ, ҷангарагӣ

зубаст||ый, -ая, -ое (зубаст, -а, -о) *разг.* **1.** тездандон, дандонтез; **~ая щука** шуртани тездандон **2.** *перен.* теззабон, шаттоҳ, ҷангара

зубатка *ж* зубатка (*моҳии даррандаи тездандон*)

зубатый, -ая, -ое *разг.* сердандон; белдандон; **~ рот** даҳани белдандон // (*с зубами*) дандондор; **~ кит** наҳангги дандондор

зуб||éц *м* **1.** дандона; **~éц пилы** дандонаи арра; **~цы машинного колеса** дандонаҳои чархи мошин **2.** *чаще мн.* **зубцы** дандонаҳо, кунгураҳо; **крепостная стена с ~цами** девори кунгурадори қалъа; **~цы гор** дандонаҳои кӯҳҳо

зубик *м уменьш.-ласк. к* **зуб** 1

зубило *с тех.* искана

зубильн||ый, -ая, -ое ...и искана; **~ое лезвие** теғи искана

зубн||óй -ая, -óе **1.** ...и дандон; **~ая боль** дарди дандон; **~óй врач** духтури дандон; **~óй порошок** хокаи дандоншуӣ; **~ая щётка** лифи дандоншуӣ **2.** *лингв.* пешизабонӣ; **~ые звуки** овозҳои пешизабонӣ

зубовн||ый, -ая, -ое: **со скрежетом ~ым** нохост, бо дили нохоҳам, бо нафрат

зубов||óй, -ая, -óе дандонадор; **~ая борона** молаи дандонадор, сихмола, дандонамола

зубоврачебный, -ая, -ое ...и муолиҷаи (табобати) дандон, ...и духтури дандон; **~ кабинет** кабинети муолиҷаи дандон, кабинети духтури дандон

зубоврачевание *с* дандонмуолиҷакунӣ

зубодёр *м прост. ирон.* дандонкан

зубок *м* **1.** (*мн.* **зубки**) *уменьш.-ласк. к* **зуб** 1; **2.** (*мн.* **зубки**) *тех.* дандонача ◇ **на ~ (подарить, принести)** туҳфа (тақдим) кардан (*ба кудаки навзод*); **попасть(ся) на ~ кому-л., к кому-л.** хандахариши касе шудан

зуболечебница *ж* табобатхонаи дандон

зуболечебный, -ая, -ое *см.* **зубоврачебный**

зубопротезный, -ая, -ое ...и дандонсозӣ, ... и дандонмонӣ; **~ кабинет** кабинети дандонмонӣ

зуборезный, -ая, -ое ...и дандонабурӣ, ...и дандонатарошӣ; **~ станок** дастгоҳи дандонабурӣ

зубоскал *м прост.* масхаракунанда, ришхандзананда

зубоскалить *несов. прост.* масхара (масхарабозӣ) кардан, ришханд задан

зубоскальство *с* масхара, ришханд, масхарабозӣ

зуботычина *ж прост.* дандонзанӣ

зубочистка *ж* дандонковак, дандонхилол

зубр *м* **1.** гови ваҳшӣ **2.** *перен. разг. шутл.* одами бало

зубрёжка *ж* (*по знач. гл.* **зубрить** II) ҳиҷҷакунӣ

зубрение I *с* (*по знач. гл.* **зубрить** I) дандонадор кардан(и), дандона баровардан(и)

зубрение II *с см.* зубрёжка

зубрила, зубрилка *м, ж разг.* ҳиҷҷакунанда, тутивор ёдкунанда

зубрить I *несов. что* **1.** *тех.* дандонадор кардан, дандона баровардан; **~ пилу** ба арра дандона баровардан **2.** дандонадор кардан, кунд кардан; **~ нож** дами кордро гардондан

зубрить II *несов. что и без доп. разг.* ҳиҷҷа кардан, тутивор ёд кардан; **~ урок** дарсро тутивор ёд кардан

зубриться I *несов.* **1.** (*зазубриваться*) дам гаштан; арра-арра шудан **2.** *страд.* дандонадор карда шудан

зубриться II *несов. страд.* ҳиҷҷа карда шудан

зубровка *ж* **1.** *бот.* говталха (*як навъи алаф*) **2.** зубровка (*арақе, ки ба он қиёми говталха андохта шудааст*)

зубровый, -ая, -ое ...и гови ваҳшӣ; **~ питомник** парваришгоҳи гови ваҳшӣ

зубчатка *ж* дандона, дандонаи механизм; **~ домкрата** дандонаи домкрат

зубчат||ый, -ая, -ое дандонадор; **~ое колесо** чархи дандонадор

зубчик *м уменьш. к* **зуб** 2, *к* **зубéц** 1; **~ колеса** дандоначаи чарх

зуд *м* **1.** хориш; **вызывать ~** хориш кунондан; **~ во всём теле** хориши тамоми аъзои бадан **2.** *перен. разг. ирон.* васваса, иштиёқ, майли зиёд; **поэтический ~** васвасаи шоирӣ

зуда *м, ж прост.* шилқин, шумшук, шалҳа, хира

зудение *с разг.* ғуввос, шаввос, ғингос, ғуррос

зудень *м* канаи бемории қутур

зуд||éть I *несов. разг.* **1.** хориш кардан, хоридан; **руки ~ят** дастҳо хориш мекунанд **2.** *перен.* васваса кардан, хоридан; **язык так и ~ит сообщить новость** забон ҳай мехорад, ки хабари тозаро маълум кунад

зуд||éть II *несов. разг.* **1.** ғуввос задан, ғингос задан; **над ухом ~ят комары** хомушакҳо дар таги гуш ғингос мезананд **2.** *перен.* шилқинӣ кардан, часпидан

зудить I, II *несов. прост. см.* **зудеть** I, II

зуёк *м* чаковак (*як навъ паррандае, ки дар лаби об зиндагӣ мекунад*)

зулу *м нескл.* **1.** *мн. см.* **зулусы;** **2.** (*язык*) забони зулусӣ

зулусский, -ая, -ое зулусӣ, ...и зулусҳо; **~ язык** забони зулусӣ

зулусы *мн.* зулусҳо (*яке аз халқҳои Африкаи Ҷанубӣ*)

зуммер *м* зуммер (*асбоби электрики барои додани сигналҳои овозӣ*); **~ полевого телефона** зуммери телефони саҳроӣ

зуммерить *несов.* зуммер додан, сигнали овозӣ додан

зурна *ж* сурнай

зурнач *м см.* **зурнист**

зурнист *м* сурнайнавоз

зыбить *несов. что уст. поэт.* ҷунбондан, лаппас занондаи

зыбиться *несов. уст. поэт.* ҷунбидан, лаппас задан

зыбка *ж обл.* (*колыбель*) гаҳвора; алвонҷ

зыбк||ий, -ая, -ое (зыб|ок, -ка, -ко) 1. ҷунбонак, ҷунбанда, ларзон; алвонҷхуранда; **~ий мостик** пулчаи ҷунбонак; **~ая почва** замини мулоим, хоки нарм; **~ая поверхность воды** сатҳи мавҷдори об 2. *перен.* ноустувор, бесубот, нопойдор; **~ое положение** вазъияти ноустувор

зыбкость *ж* 1. ҷунбандагӣ, ларзандагӣ, мавҷдорӣ 2. *перен.* ноустуворӣ, нопойдорӣ

зыбун *м обл.* 1. (*трясина*) ботлоқи шибар, лойдон 2. *мн.* **зыбуны** (*зыбучие пески*) реги равон

зыбуч||ий, -ая, -ее *см.* **зыбкий** 1; **~ие пески** реги равон

зыбь *ж* 1. лаппиши (ларзиши) руи об, хезоб; **по морю ходила лёгкая ~** руи баҳр андаке лаппиш мехурд 2. *уст. поэт.* (*волны*) мавҷ, амвоҷ ◇ **мёртвая ~** *мор.* туғёни (лаппиши) бешамоли оби баҳр

зык *м прост.* ҷеғ, наъра

зыкать *несов. см.* **зыкнуть**

зыкнуть *сов. прост.* 1. (*громко крикнуть*) аррос задан, дод гуфтан 2. (*издать резкий звук*) овози баланд баровардан

зыряне *мн. уст.* зырянҳо

зырянский, -ая, -ое *уст.* зырянӣ, ...и зырянҳо

зычно *нареч.* баланд, сахт, бо ғулғула

зычность *ж* баландӣ, сахтӣ, ғулғуладорӣ

зычный, -ая, -ое (зыч|ен, -на, -но) баланд, сахт, ғулғуладор; **~ голос** овози ғулғуладор

зюз||я *м, ж груб. прост. и обл.*: **~я-~ей, как ~я мокрый** шип-шилтиқ; **~я-~ей, как ~я пьяный** масти лояъқил

зюйд *м* 1. *мор.* (*юг*) ҷануб; **держать курс на ~** ба ҷануб равона шудан 2. *мор., метео* (*южный ветер*) боди ҷануб

зюйд-вест *м* 1. *мор.* (*юго-запад*) тарафи (самти) ҷануби ғарбӣ 2. *мор., метео* (*юго-западный ветер*) боди ҷануби ғарбӣ

зюйд-вестовый, -ая, -ое *мор.* ...и ҷануби ғарбӣ

зюйдовый, -ая, -ое *мор.* ҷануби

зюйд-ост *м* 1. *мор.* (*юго-восток*) самти ҷануби шарқӣ 2. *мор., метео* (*юго-восточный ветер*) боди ҷануби шарқӣ

зюйд-остовый, -ая, -ое *мор.* ...и ҷануби шарқӣ

зябкий, -ая, -ое (зяб|ок, -ка, -ко) *разг.* хунуккхур

зябко *разг.* 1. *нареч.* хунук, хунукӣ; **~ ёжиться** аз хунукӣ ғунча шудан 2. *в знач. сказ.* хунук аст; **~ на ветру** дар шамол гаштан хунук аст

зябкость *ж разг.* хунуккхурӣ

зяблев||ый, -ая, -ое *с.-х.* тирамоҳӣ; **~ая вспашка** шудгори тирамоҳӣ

зяблик *м* саъва (*як навъ паррандаи хушхони беша*)

зябл||ый, -ая, -ое *обл.* 1. хунукзада, сармозада; **~ая рожь** ҷавдори хунукзада 2. *см.* **зябкий**

зябнуть *несов.* 1. хунук хурдан 2. (*вымерзать — о растениях*) хунук (сармо) задан, нобуд шудан

зябь *ж с.-х.* 1. (*вспашка*) шудгор; **глубокая ~** шудгори чуқур 2. (*поле*) шудгор, замини шудгор; **над ~ю идёт пар** аз шудгор буғ мехезад

зять *м* (*муж дочери*) домод; (*муж сестры*) язна; (*муж золовки*) амак

И

и I *с нескл.* и (*номи ҳарфи нуҳуми алифбои русӣ*) ◇ **«и» краткое** «и» -и кутоҳ, ҳарфи «й»; **ставить точки (точку) над (на) «и»** буду шуди гапро гуфтан

и II *союз* 1. *соед.* ва, -у, -ю; **догнать и перегнать** расидан ва пеш гузаштан; **стыд и срам** шармандагию расвоӣ; **старые и малые** хурду калон, пиру барно; **муж и жена** зану шавҳар; **отец и мать** падару модар 2. *присоед.* ҳам, ҳатто . ҳам; **и я хотел пойти вместе с ними** ман ҳам мехостам ҳамроҳи онҳо равам 3. *перечисл* ҳам; **и тот, и другой** ҳам ину ҳам он 4. *усил.* охир; **и чего ты ко мне привязался?** охир ту чаро ин қадар ба ман часпидӣ?; **и куда ты смотрел?** охир чашмат дар куҷо буд?; **и как ты не слышал об этом?** охир чӣ хел шуд, ки ту инро нашунида мондӣ? 5. *повеств.* ҳам, ана; **и взошло солнце** офтоб ҳам баромад 6. *выдел.* (*поэтому, так что*) ана, ҳам, ҳамон тавр ҳам, ҳамин хел; **а я ему и говорю** ман ҳам ҳамон тавр ба у мегуям... // *в сочет. с указ. мест., нареч., частицами:* **вот... и** ана... ҳам; **так . . . и** ҳамин (ҳамон) тавр ҳам; **это... и** ҳамин..., ҳаминро...; **вот об этом я вам и не сказал** ана ҳаминашро ман ба шумо нагуфтам; **так оно и случилось** ана ҳамон тавр ҳам шуд 7. *против.* боз, у, ҳам; **мужчина — и плачет!** мард шуда истода боз гирья мекунад! 8. *в знач. усил. частицы* ҳам, хуб, хеле; **и как же ты вырос!** ту хуб калон шуда мондай-ку! // (*тоже, также*) ҳам, ҳамин тавр; **будет и на нашей улице праздник** *погов.* дар кучаи мо ҳам туй мешавад; ≈ ба ҷуи мо ҳам об меояд; **он и у нас побывал в гостях** у ба хонаи мо ҳам меҳмон шуда омада буд // (*даже*) ҳам, ҳатто, ҳеҷ; **он не хочет и слышать об этом** у дар ин хусус шунидан ҳам намехоҳад ◇ **и так [уж]** бе ин ҳам; **и то** *прост.* дуруст, дар ҳақиқат, ҳамин тавр, набошад чӣ, ҳа-дия; **и так далее (и т. д.)** ва ғайра, ва ҳоказо, ва ғайруҳу (ва ғ.); **и тому подобное (и т. п.)** ва монанди ин (ва м. ин); **одно и то же** айни як чиз, айнан як, биайниҳи

и III *межд.* хайр, хайр; **и, полно!** хайр, хайр, бас аст!

ибериец *м* марди ибер; *см.* **иберы**

иберийка *ж* иберзан, ибердухтар, зани (духтари) иберӣ; *см.* **иберы**

иберийск||ий, -ая, -ое иберӣ, ...и Иберия; **~ие языки** забонҳои иберӣ

иберийцы *мн. см.* **иберы**

иберы *мн.* иберҳо (1. *номи қабилаҳои қадимии шарқи Грузия — Иберия* 2. *номи қабилаҳои Испанияи қадим*)

ибис *м* ибис, гавдара (*паррандаи каҷнули лаклакмонанд*)

ибо *союз* зеро, зеро ки..., чунки, азбаски, барои он ки...

ива *ж* бед; **плакучая ~** маҷнунбед

иван-да-марья *ж бот.* 1. астармола (*навъи алафи бегона*) 2. гули одамру, бунафшаи фарангӣ (чаманӣ)

ивановск||ий: **во всю ~ую** бо тамоми овоз, бо овози баланд, овозро сар дода; **кричать во всю ~ую** бо овози баланд фарьёд задан

иван-чай *м* иванчой, муғулчой (*навъи алафи бисьёрсола*)

иваси *ж нескл.* иваси (*шурмоҳии резаи баҳрҳои Шарқи Дур*)

ивняк *м* 1. (*кустарник*) бедзор 2. (*ивовые прутья*) химчаҳои (навдаҳои) бед

ивняков||ый, -ая, -ое ...и бедзор, ...и бед; ...и химчаҳои бед, ...и навдаҳои бед; **~ые щиты для снегозадержания** бедчапаракҳои барфнигаҳдор

ивов||ый, -ая, -ое бедӣ, ...и бед; **~ая кора** пустлохи бед; **~ая корзинка** сабади аз химчаҳои бед бофташуда

иволга *ж* зарғилдоқ, заргулдор, духтари суфӣ

иврит *м* ибрӣ, забони ибрӣ (*забони қадимии яҳудиён, ки ҳоло забони расмии давлати Исроил мебошад*)

игл||а *ж* 1. сузан; ҷуволдуз, тевана; **швейная ~а** сузани чокдузӣ; **хирургическая ~а** сузани ҷарроҳӣ; **примусная ~а** сузани примус 2. (*хвойная*) сузанбарг, барг; **иглы сосны** барги санавбар // (*шип, колючка*) хор; **~а шиповника** хори настаран 3. *чаще мн.* **иглы** (*у животных*) хор, дуг; **иглы ежа** хори хорпушт 4. шуша, шавшулак; **иглы льда** шушаи ях

игла-рыба *ж* сузанмоҳӣ

иглист||ый, -ая, -ое сузандор, хордор; нугтез; **~ая осока** ғешаи хордор

иглица *ж бот.* хорбутта

игловидный, -ая, -ое сузаншакл, сузанмонанд; **~ лист** барги сузаншакл, сузанбарг

иглодержатель *м* сузандон, сузандорак, сузанмонак; **~ патефона** сузандораки патефон; **хирургический ~** сузандони ҷарроҳӣ

иглокожие *мн. зоол.* хорпустон

иглообразный, -ая, -ое *см.* **игловидный**

иглорот *м* (*рыба*) сузандаҳон (*навъи моҳии уқьёнус*)

иглотерапия *ж мед.* сузанзанӣ, муолиҷа бо сузанзанӣ

иглоукалывание *с мед.* сузанзанӣ

иглу *с нескл.* кулбаи барфӣ (*кулбаи гунбаздори зимистонаи эскимосҳои Канада*)

игнорирование *с (по знач. гл.* **игнорировать)** аҳамият надодан(и), ба эътибор нагирифтан(и), писанд (эътино) накардан(и)

игнорировать *сов., несов. кого-что* аҳамият надодан, ба назари эътибор нагирифтан, эътино (писанд) накардан; ~ **факты** далелҳоро ба эътибор нагирифтан

игнорироваться *несов. страд.* аҳамият дода нашудан, писанд карда нашудан

иго *с* зулм, асорат, фишор, юғ; **колониальное** ~ асорати мустамликавӣ

иголк||а *ж см.* **игла** 1—3 ◇ **до ~и** *уст.* як сузан ҳам намонда; **не ~а** *в знач. сказ.* сузан не-ку; **как ~а в стогу (стоге) сена** сузани ба даруни ҷувол афтида барин; **сидеть как на ~ах** орому қарор надоштан, беқарор будан

иголочк||а *ж уменьш. к* **иголка** ◇ **с ~и** наппа-нав, оҳорӣ, оҳораш нарехта; **костюм с ~и** костюми наппа-нав

иголочный, -ая, -ое ...и сузан; ~ **укол** халидани сузан

игольник *м* 1. сузандон, сузанмонак 2. *собир. обл.* хазони сӯзанбарг

игольн||ый, -ая, -ое ...и сузан; **~ое ушко** сурохи сузан; **~ое производство** истеҳсоли сузан, сузангарӣ

игольчат||ый, -ая, -ое 1. сузандор, хордор; **~ая лента** тасмаи сузандор *(барои шона кардани тор ё ғоз)* 2. сузаншакл, сузанмонанд

игорный, -ая, -ое ...и қимор, ...и қиморбозӣ; ~ **дом** қиморхона

игр||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **играть** 1) бозӣ кардан(и); навохтан(и); **во время ~ы** дар вақти бозӣ кардан(и) 2. бозӣ; **~а в шахматы** бозии шоҳмот, шоҳмотбозӣ; **детские игры** бозиҳои бачагона; **спортивные игры** бозиҳои варзишӣ // *(предметы игры)* чизҳои бозӣ 3. *театр.* бозӣ 4. =навозӣ, навохтан(и); **~а на скрипке** скрипканавозӣ, ғиҷҷакнавозӣ 5. тобиш, ҷило; **~а алмазов** ҷилои алмосҳо 6. макр, фитна, дасиса; **двойная ~а** фитнагарӣ, найрангбозӣ; **дипломатическая ~а** найранги дипломатӣ ◇ **~а воображения** хаёли хом; **~а природы** ҳодисаи нодири табиат, аҷоиботи (аҷоиботу ғароиботи) табиат; **~а слов** суханбозӣ, лафзбозӣ, лутф; **~а случая (судьбы)** қазову қадар, гардиши фалак; **биржевая ~а** ҳаннотӣ дар биржа; **Олимпийские игры** *спорт.* Бозиҳои олимпӣ; **опасная ~а** кори пурхатар (хатарнок); **раскрыть чью-л. ~у** асрори касеро фош кардан, миси касеро баровардан; **~а не стоит свеч** *погов.* ≈ ин мурда ба гирья намеарзад

игральн||ый, -ая, -ое ...и бозӣ; **~ый автомат** автомати бозӣ; **~ые карты** картаҳои бозӣ; **~ые кости** муҳраҳои бозӣ

играть *несов.* 1. *во что, чем и без доп.* бозӣ кардан; ~ **с детьми** бо бачаҳо бозӣ кардан; ~ **в волейбол** волейболбозӣ кардан; ~ **новой колодой карт** бо дастаи нави қарта бозӣ кардан 2. *кого-что и без доп.* бозӣ кардан, бозидан; ~ **на сцене** дар саҳна бозидан // *на чём и без доп.* навохтан; **он хорошо играет на рояле** вай рояльро хуб менавозад 3. *на чём перен.* фоида бурдан, суиистифода кардан; ~ **на чьих-л. слабостях** аз сустии касе фоида бурдан 4. ҷило додан, дурахшидан; **солнце играет на поверхности воды** шуои офтоб дар руи об медурахшад; **рубин красиво играет** лаъл хуб ҷило медиҳад; **у неё на щеках играет румянец** рухсораш гулгун [аст] 5. *(о вине и т. п.)* кафк кардан, бозӣ кардан ◇ ~ **комедию** дуруягӣ (найрангбозӣ) кардан; ~ **роль** 1) аҳамият доштан 2) худро бардуруғ ба ҳолате андохтан, вонамуд кардан; ~ **свадьбу** *прост.* туй (никоҳ) кардан; ~ **первую скрипку** 1) партияи скрипкаи якумро навохтан 2) сардорӣ кардан, роли асосиро бозидан (бозӣ кардан); ~ **вторую скрипку** 1) партияи дуюмро навохтан 2) роли ғайриасосиро бозидан (бозӣ кардан), аҳамияти дуюмдараҷа доштан; ~ **глазами** ғамза кардан, чашм паррондан; чашмакӣ задан; ~ **своей жизнью** ҷонбозӣ кардан; ~ **словами (в слова)** 1) аския (зарофат) гуфтан, базлагуӣ кардан 2) суханбозӣ (гапфурушӣ) кардан; ~ **в бирюльки** аз бекорӣ кадукорӣ, беҳудакорӣ кардан; ~ **в загадки** муаммо гуфтан, рамзомез гап задан; ~ **в кошки-мышки с кем-л.** касеро ба маймунакбозӣ андохтан; ~ **в молчанку** хап нишастан, лаб фуру бастан; ~ **в прятки** 1) руст-рустакон бозӣ кардан 2) пинҳонӣ амал кардан, пушида коре кардан; ~ **на бирже** дар биржа ҳаннотӣ кардан; ~ **на нервах** *чьих* асабонӣ кардан; ~ **на руку кому-л.** ба осиёи касе об рехтан; ~ **с огнём** бо оташ (бо думи шер) бозӣ кардан; ~ **со смертью** ҷонбозӣ кардан; **кровь играет** *в ком* дил дар ҷушу хуруш аст

играться *несов.* 1. *безл. разг.* ҳавсалаи бозӣ доштан 2. *страд.* бозӣ карда шудан; навохта шудан

играючи *разг.* 1. *деепр.* бозӣ-бозӣ карда, бозикунон 2. *нареч.* ба осонӣ; **он ~ сделал это** у ин корро ба осони иҷро кард

играющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* бозикунанда; навозанда 2. *в знач. сущ.* **играющий** *м* бозингар; **один из ~их** яке аз бозингарон

игрек *м* 1. игрек *(номи ҳарфи алифбои лотинӣ)* 2. *мат.* игрек *(адади номаълум, ки бо ҳарфи «у» ишора мешавад)* 3. игрек, фалонӣ, фалон кас

игренев||ый, -ая, -ое: **~ая лошадь** аспи ёлу думсафед

игрений, -яя, -ее *см.* **игреневый**

игрец *м уст.* мутриб, машшоқ, навозанда, созанда; [и] **швец, и жнец, и в дуду (на дуде)** ~ *погов.* ≈ Салими садкора (ҳамакора); даҳ ангушташ ҳунар

игриво *нареч.* 1. бо шӯхӣ, шӯхикунон, бозикуион 2. ишвагарона, бо нозунуз, бо карашма, бо ғамза

игривость *ж* шух (бозингар) будан(и), бозингарӣ; ~ **котёнка** бозингарии гурбача

игрив||ый, -ая, -ое (игрив, -а, -о) 1. шух, бозингар; **~ый котёнок** гурбачаи бозингар; **~ое настроение** димоғи чоқ, кайфияти хуб 2. ишвагарона, сернозунуз, бо карашма

игрист||ый, -ая, -ое (игрист, -а, -о) пурҷуш, ҷӯшон, серкафк; **~ое вино** май пурҷуш

игрище *с уст.* базм

игров||ой, -ая, -ое рақсӣ, ...и бозӣ; **~ые песни** сурудҳои рақсӣ; **~ой приём** усули бозӣ

игрок *м* 1. бозингар; *(карточный)* қиморбоз, картабоз 2. *уст. и прост.* мутриб, машшоқ, созанда

игрун *м разг.* шух, бозигар; **котёнок-~** гурбачаи бозигар

игрунка *ж зоол.* бозингар, маймуни бозингар *(хурдтарин ҷинси маймунҳо)*

игрунья *женск. к* **игрун**

игрушечка *ж уменьш.-ласк. к* **игрушка** ◇ **как (словно)** ~ бозича (куттича) барин, мунаққаш

игрушечник *м* устои бозичасоз

игрушечн||ый, -ая, -ое 1. ...и бозича; **~ое производство** истеҳсоли бозича 2. =ча, ...и бозича; хурдакак; **~ое ружьё** милтиқча

игрушк||а *ж прям., перен.* бозича; **заводные ~и** бозичаҳои калиддор; **быть ~ой в чьих-л. руках** *перен.* бозичаи дасти касе будан ◇ **как (словно) ~а** бозича барин, мунаққаш; **дом как ~а** ҳавли қуттича барин

игуана *ж зоол.* сусмор, игуана

игумен *м* шайх, пир, пири дайр (хонақоҳ)

игуменск||ий, -ая, -ое ...и шайх, ..и пир, ...и пири дайр (хонақоҳ); **~ий сан** рутбаи пири дайр; **~ая келья** ҳуҷраи пири дайр

игуменья *ж* сардори монастыри занон, игуменья

идальго *м нескл.* идальго *(асилзодаи испанӣ)*

идеал *м* 1. идеал, мақсади олӣ; **коммунистический** ~ идеали коммунистӣ; **возвышенные ~ы** идеалҳои олӣ; **общественные ~ы** идеалҳои иҷтимоӣ; **~ы гуманизма, мира и прогресса** идеалҳои инсондустӣ, сулҳ ва тараққиёт 2. тимсол; **он ~ честности** у тимсоли поквиҷдонист 3. орзу, орзуи дил, ормон; **это не мой ~** орзуи ман ин нест

идеализация *ж (по знач. гл.* **идеализировать)** аз будаш зиёд карда нишон додан(и), идеализация кардан(и); идеализация; ~ **действительности** идеализацияи воқеият

идеализирование *с см.* **идеализация**

идеализировать *сов., несов. кого-что* аз будаш зиёд карда нишон додан, идеализация кардан

идеализироваться *несов. страд.* идеализация карда шудан

идеализм *м* 1. *филос.* идеализм *(равияи фалсафии зидди материализм, ки идея, шуур ва руҳро асоси ҳама чиз медонад)*; **объективный** ~ идеализми объективӣ; **субъективный** ~ идеализми субъективӣ 2. идеализацияи во-

қеият 3. ихлосмандӣ ба идеалҳои олии ахлоқ

идеалист *м* 1. *филос.* идеалист, пайрави идеализм 2. хаёлпараст

идеалистическ||ий, -ая, -ое 1. *филос.* идеалистӣ, ...и идеализм; **~ая философия** фалсафаи идеалистӣ; **~ое мировоззрение** ҷаҳонбинии идеалистӣ 2. ...и хаёлпараст

идеалистичный, -ая, -ое (идеалистич|ен, -на, -но) идеалистӣ, идеалистона

идеалистка *женск.* к **идеалист** 2

идеально *нареч. разг.* ба тарзи идеалӣ (олӣ), муддаои табъ: **работа выполнена ~** кор муддаои табъ иҷро шудааст

идеальность *ж* муддаои табъ будан(и), идеалӣ будан(и)

идеальный I, -ая, -ое *филос.* идеалӣ, хаёлӣ

идеальн||ый II, -ая, -ое (идеа|лен, -льна, -льно) 1. идеалӣ, олӣ; **~ая любовь** ишқи пок 2. *разг.* бисьёр хуб, аъло; **~ые условия** шароити бисьёр хуб

идейность *ж* идеявӣ (ғоявӣ) будан(и); **высокая ~ советского искусства** баландғоя будани санъати советӣ

идейн||ый, -ая, -ое (идей|ен, -йна, -йно) 1. идеявӣ, ғоявӣ, мафкуравӣ; **~ая борьба** муборизаи мафкуравӣ (идеявӣ); **~ое воспитание** тарбияи ғоявӣ 2. идеявӣ, ғоявӣ; **~ое содержание пьесы** мазмуни ғоявии пьеса 3. идеявӣ, ғоявӣ, баландғоя; **~ое искусство** санъати баландғоя

идентификация *ж* (*по знач. гл.* **идентифицировать**) идентификация (баробар, ҳаммонанд) кардан(и)

идентифицировать *сов., несов. что* идентификация (баробар, ҳаммонанд) кардан

идентифицироваться 1. *сов., несов.* идентификация (баробар, ҳаммонанд) шудан 2. *несов. страд.* идентификация карда шудан

идентичность *ж* айният, мутобиқати комил, баробарӣ; **~ мнений** мутобиқати комили мулоҳизаҳо

идентичный, -ая, -ое (идентич|ен, -на, -но) айниятдошта, комилан мутобиқ, баробар, мусовӣ; **~ договор** шартномаи комилан мутобиқ

идеограмма *ж лингв.* идеограмма (*аломати шартии хаттӣ, ки мафҳумеро мефаҳмонад*)

идеографическ||ий, -ая, -ое *лингв.* ...и идеография, идеографӣ; **~ое письмо** хати идеографӣ

идеография *ж лингв.* идеография (*навиштани хат бо идеограммаҳо*)

идеолог *м* идеолог, сарвари ғоявӣ (*сарвари ягон ҷараёни идеологӣ*); **~и пролетариата** идеологҳои пролетариат

идеологически *нареч.* аз ҷиҳати идеология (ғоя, мафкура); **~ выдержанный** аз ҷиҳати идеология (мафкура) мустаҳкам

идеологическ||ий, -ая, -ое ...и идеология, идеологӣ, ...и мафкура, ...и ғоя, ғоявӣ, мафкуравӣ; **~ие вопросы** масъалаҳои идеология; **~ая борьба** муборизаи идеологӣ (мафкуравӣ)

идеология *ж* идеология, ғоя, мафкура; **марксистско-ленинская ~** идеологияи марксистии ленинӣ; **буржуазная ~** идеологияи буржуазӣ

идея *ж* 1. идея, ғоя, мафкура, фикр, ақида; **передовые идеи** ақидаҳои пешқадам; **идеи научного коммунизма** ғояҳои коммунизми илмӣ 2. фикри асосӣ, ният, андеша, ғоя; **~ романа** ғояи роман 3. ният, қасд; **мне пришла ~ пойти в театр** ман нияти ба театр рафтан кардам ◇ **навязчивая ~** савдо

идиллическ||ий, -ая, -ое 1. *лит.* ...и идиллия; **~ий жанр** жанри идиллия 2. *ирон.* ...и идиллия, беташвиш; **~ое счастье** бахти беташвиш

идилличный, -ая, -ое (идиллич|ен, -на, -но) *см.* **идиллический** 2

идиллия *ж* идиллия (1. *лит. манзумае, ки зиндагиро дар оғӯши табиат аз будаш зиёд орому осоишта тасвир мекунад* 2. *ирон. зиндагии орому саодатмандона*)

идиом *м,* **идиома** *ж лингв.* идиома, ибораи (таъбири) рехта

идиоматика *ж лингв.* 1. идиоматика, идиомашиносӣ 2. идиомаҳо, ибораҳои (таъбирҳои) маҷозӣ; **русская ~** идиомаҳои русӣ

идиоматический, -ая, -ое *лингв.* идиоматикӣ, идиомӣ, ...и идиом(а), идиоманок; **~ оборот** таркиби идиоманок

идиосинкразия *ж мед.* идиосинкразия, қимобӣ (*баъзе навъҳои ғизо, даво, бӯй ва м. инро қабул накардани организм*)

идиот *м* 1. *мед.* ноқисулақл, камақли модарзод 2. *бран.* аблаҳ, аҳмақ, девона

идиотизм *м* 1. *мед.* ноқисулақлӣ, камақлии модарзод 2. *разг.* аблаҳӣ, аҳмақӣ, девонагӣ, ҳамоқат

идиотический, -ая, -ое *уст. см.* **идиотский**

идиотия *ж мед.* ноқисулақлӣ

идиотка *женск.* к **идиот**

идиотский, -ая, -ое 1. ...и ноқисулақл, камақлона 2. *разг.* аблаҳона, аҳмақона, девонавор; **~ поступок** кирдори аблаҳона

идиотство *с разг.* аблаҳӣ, девонагӣ, ҳамоқат; **что за ~!** ин чӣ аблаҳӣ!

идиш *м* идиш (*забони қисми яҳудиёне, ки дар Европа, Америка, Африкаи Ҷанубӣ ва Исроил зиндагӣ мекунанд ва асоси ин забонро шеваҳои немисӣ ташкил медиҳад*)

идол *м* 1. бут, санам 2. *бран.* аҳмақ, аблаҳ, бефаҳм ◇ **стоять (сидеть) ~ом** хуса барин истодан, сурати девор шуда шиштан

идолопоклонник *м* бутпараст

идолопоклоннический, -ая, -ое ...и бутпарастӣ, ...и бутпараст

идолопоклонничество *с см.* **идолопоклонство**

идолопоклонство *с* бутпарастӣ

идольский, -ая, -ое ...и бут, ...и санам

идти *несов.* 1. рафтан, гаштан; **~ вперёд** ба пеш рафтан; **~ пешком** пиёда рафтан; **~ в гости** ба меҳмонӣ рафтан; **~ по дороге** бо (аз) роҳ рафтан 2. тохтан, давидан; **конь идёт рысью** асп чорхез (резачорпо) метозад 3. шино кардан: **лёд идёт** ях шино мекунад; **~ на вёслах** бел зада рафтан; **~ под парусами** бодбон кушода рафтан 4. ҳаракат кардан, раҳсипор шудан, равона (азим) шудан, рафтан; **поезд идёт в два часа дня** поезд соати дуи рӯз меравад 5. ҳуҷум (хамла) овардан, юруш кардан; **~ войной** ҷанг сар кардан 6. омадан, наздик шудан; **весна идёт** баҳор наздик шуда истодааст; **посторонись, машина идёт!** гурез, мошин омада истодаст! 7. омадан, оварда (бурда, фиристода) шудан; **пушнина идёт с Севера** муина аз Шимол меояд; **посылка идёт туда пять дней** посылка ба он ҷо дар панҷ рӯз рафта мерасад 8. шоридан, чакидан, рафтан; **вода идёт по капле** об қатра-қатра мечакад; **из раны идёт кровь** аз ҷароҳат хун меравад 9. баромадан, паҳн шудан; **из самовара идёт пар** аз самовор буғ мебарояд; **от этих цветов идёт сильный запах** бӯи ин гулҳо баланд аст; **слух идёт...** миш-миш ҳаст... 10. даромадан; **гвоздь не идёт в стену** мех ба девор намедарояд 11. воқеъ будан, ғузаштан; **тропинка идёт лесом** пайраҳа аз даруни ҷангал мегузарад 12. (*об осадках*) боридан; **идёт снег** барф меборад; **вчера шёл дождь** дирӯз борон борида буд 13. рафтан, давом кардан; **дела идут успешно** корҳо нағз рафта истодаанд; **концерт шёл два часа** концерт ду соат давом кард 14. даромадан, дохил (ворид) шудан; **~ в университет** ба университет дохил шудан 15. *разг.* бозоргир будан, ба фуруш рафтан; **этот товар хорошо идёт** ин мол бозоргир аст (нағз ба фуруш меравад) 16. рафтан, сарф (истеъмол) шудан, кор фармуда шудан; **на платье идёт три метра материала** барои курта се метр матоъ меравад 17. *кому* шинам будан, зебидан; **эта шляпа ей идёт** ин кулоҳ ба у мезебад 18. (*о времени*) гузаштан, мурур кардан, рафтан; **дни идут за днями** рӯзҳо паси ҳам мегузаранд; **время идёт** фурсат (вақт) мегузарад, вақт рафта истодааст 19. (*о механизмах*) гаштан, ҳаракат (кор) кардан; **часы идут точно** соат аниқ мегардад 20. *на что* тайёр (ҳозир) будан, розӣ шудан; **~ на все условия** ба ҳамаи шартҳо розӣ будан 21. *охот., рыб.* фирефта шудан, фаид хурдан; андармон шудан; **окунь хорошо идёт на червяка** хормоҳӣ ба кирм нағз андармон мешавад 22. *чем, с чего (в играх)* гаштан, бозидан, рондан; **~ конём** *шахм.* аспро гаштан 23. (*о спектакле и т. п.*) нишон дода шудан, намоиш дода шудан; **завтра в театре идёт новый спектакль** пагоҳ дар театр тамошои нав намоиш дода мешавад 24. рафтан, расидан; **переговоры идут к концу** гуфтушунид ба охир расида истодааст; **дело идёт к развязке** кор анҷом ёфта истодааст 25. *в сочет. с предлогом «в» и сущ.:* **~ в обработку** кор карда шудан; **~ в продажу** ба фу-

руш рафтан, фурӯхта шудан; ~ **в чистку** тоза [карда] шудан 26. *в сочет. с предлогом «на» и сущ.:* ~ **на подпись** ба имзо расонда шудан, имзо [карда] шудан; ~ **на поправку** ру ба беҳбудӣ (ба сиҳатшавӣ) овардан; ~ **на риск** таваккал кардан; ~ **на скандал** ҷанҷол хезондан; ~ **на убыль** кам (паст) шудан ◇ **идёт** (*ладно*) мешавад, хуб, нағз, маъқул, майлаш; **закусим? — Идёт!** ягон чиз хурем? — Шудааст!, Майлаш!; ~ **впрок** фоида бурдан (бахшидан); ~ **вразрез** *с чем* мухолиф (зид) будан; ~ **гигантскими шагами** бо қадамҳои азим пеш рафтан; ~ **навстречу** 1) *кому-чему* тарафдорӣ кардан, ёрӣ расондан 2) *чему* тезондан, наздик овардан; ~ **наперекор** баракс рафтор кардан; ~ **напролом** ҳеҷ чизро ба эътибор нагирифта исроркорона амал кардан; ~ **насмарку** бар бод (зоеъ) рафтан; ~ **в гору** 1) ба мартабае расидан 2) ру ба инкишоф (ба тараққӣ) ниҳодан; ~ **в дело (в ход)** кор омадан, истифода шудан; ~ [**нога**] **в ногу** 1) *с кем* баробар қадам задан (партофтан) 2) *с кем-чем* баробар (ҳампо) будан; ~ **в огонь и в воду за кого-что-л.** ба хотири касе, чизе худро ба обу оташ задан; барои касе, чизе ҷони худро дареғ надоштан; ~ **в сравнение** қобили муқоиса будан; [**ни**] **в** [**какое**] **сравнение не идёт** *с кем-чем* ҳеҷ қобили қиёс не; ~ **в счёт** ҳисоб шудан; **не** ~ **в счёт** ҳисоб нашудан; ~ **за гробом** аз паси тобут (ҷаноза) рафтан; ~ **на дно (ко дну)** 1) (*тонуть*) ғарқ шудан 2) ҳалок (маҳв, нест, нобуд) шудан; ~ **на авось** таваккал кардан; ~ **на компромисс** созиш кардан, ба созиш даромадан; ~ **на лад** соз (дуруст) шудан, пеш рафтан; ~ **на поводу у кого-л.** дастнигари касе будан, инони ихтиёр ба касе додан; ~ **на поклон (с поклоном) к кому-л.** 1) *уст.* ба пои касе афтидан, ба хизмати касе расидан 2) (*обращаться с просьбами*) гардан каҷ кардан, илтиҷо (таманно) кардан; ~ **на пользу** ба нафъ (ба фоида) будан, муфид будан; ~ **на попятный (на попятную)** аз фикр (аз лафз) гаштан, пушаймон шудан; ~ **на смену** 1) *кому-чему* ҷойгузини касе, чизе шудан, ба иваз омадан; **новое идёт на смену старому** чизи нав ба ивази чизи кӯҳна меояд, чизи нав ҷойгузини чизи кӯҳна мешавад 2) *чему* аз паи..., баъд аз, пас аз, баъди..., аз қафои...; ~ **на «ура»** таваккалан коре кардан, «ҳар чӣ бодо бод» гуён коре кардан; ~ **по миру** [**с сумой**] гадоӣ кардан, дар ба дари мардум гаштан; ~ **под венец** *уст.* [ақди] никоҳ кардан; ~ **под суд** ба суд афтидан; ~ **против своей совести** хилофи виҷдони худ амал кардан; ~ **своим чередом** аз руи тартиби худ рафтан, ба навбати худ рафтан; **голова у меня идёт кругом** сарам гаранг (гиҷ) шуд; **дело (речь** *и т. п.*) **идёт о ком-чём-л.** гап (масъала *ва ғ.*) дар бораи касе, чизе меравад; [**ещё**] **куда ни шло** 1) (*так и быть, согласен*) хуб, хайр, **майлаш, маъқул** 2) (*ничего, сойдёт*) мешавад, фарқ надорад, шудан мегирад; **кусок в горло не идёт** аз гулу чизе намегузарад; **не идёт из ума (из головы)** аз майна намебарояд, фаромӯш намешавад; **не идёт на ум (в голову)** *кому что* ба майна ҳеҷ чиз намедарояд, калла кор намекунад; **сон не идёт** хоб намеояд (намебарад); **не ~ дальше (далее)** *чего* пеш нарафтан, дар марҳалае (дар коре) таваққуф кардан

иезуит *м* 1. иезуит (*узви ҷамъияти зоҳидони ашаддии католикии Рим*) 2. *перен.* риёкор, дуруя, мунофик, маккор

иезуитский, -ая, -ое 1. иезуитӣ, ...и иезуит, ...и иезуитҳо; ~ **орден** ҷамъияти иезуитҳо 2. *перен.* риёкорона, мунофиқона, маккорона

иезуитство *с* риёкорӣ, дуруягӣ, мунофиқӣ, маккорӣ

иена *ж* иена (*воҳиди пули Япония*)

иерарх *м* (*епископ*) иерарх (*рӯҳонии дорои мансаби епископ*)

иерархическ||ий, -ая, -ое иерархӣ, ...и иерархия; **~ая лестница** дараҷаҳои мансабу мартабаи иерархи

иерархия *ж* иерархия (*тартиботи дараҷаҳои мансабу мартаба*); **служебная** ~ иерархияи мансабҳо; **социальная** ~ иерархияи иҷтимоӣ

иератическ||ий, -ая, -ое *уст.* (*жреческий, священный*) ...и коҳин ◇ **~ое письмо** *лингв.* хати иератикӣ (*хати тезнависии Мисри Қадим*)

иерей *м* (*священник*) иерей, кашиш, поп

иерейский, -ая, -ое ...и иерей, ...и кашиш

иеремиада *ж ирон.* (*сетование*) шиква, нолиш, шикоят, гила

иерихонск||ий, -ая, -ое: **~ая труба** овози баланд, овози арросӣ; хари ҳангӣ

иероглиф *м* 1. иероглиф (*хати тасвирӣ*); **египетские ~ы** иероглифҳои мисрӣ 2. *чаще мн.* **иероглифы** хати ноxоно, хати бад (чалмак)

иероглифическ||ий, -ая, -ое иероглифӣ, ...и иероглиф; **~ая письменность** хати иероглифӣ

иждивенец *м* нафақахур, хуранда, нонхур

иждивени||е *с* нафақа, таъминот; **взять на своё ~е** ба таъминоти худ гирифтан; **быть на чьём-л. ~и** дар нафақаи касе будан

иждивенка *женск.* к **иждивенец**

иждивенств||о *с* нафақахурӣ, нафақахур будан(и); **справка об ~е** справка дар бораи нафақахур будан, гувоҳномаи нафақахурӣ

иждивенческ||ий, -ая, -ое 1. ...и нафақахур, ...и хуранда; **~ий фонд** фонди нафақахурон 2. *перен.* ...и тайёрхурӣ, ...и туфайлихурӣ; **~ие настроения** кайфияти туфайлихурӣ

иждивенчество *с* тайёрхурӣ, туфайлихурӣ

иже *мест. уст.* кадом ◇ **и ~ с ним (с ними)** ва шариконаш(он)

ижиц||а *ж* ижица (*номи ҳарфи охирини алифбои калисоии славянӣ ва русии қадим*) ◇ **от аза до ~ы** *книжн.* аз аввал то охир; **прописать ~у** *кому уст. шутл.* сарзаниш (мазаммат) кардан

из (**изо**) *предлог с род.* 1. (*указывает на предмет, место, откуда направлено действие*) аз; **мы приехали из Москвы** мо аз Москва омадем; **из достоверных источников** аз руи манбаъҳои боэътимод; **пить из пиалы** аз (бо) пиёла нушидан 2. (*указывает на целое, из которого выделяется часть*) аз; **одно из двух** аз ду яке; **лучший из всех** аз ҳама беҳтарин; **младший из братьев** бародари аз ҳама хурдӣ; **один из ста** аз сад яке 3. (*указывает на материал, из которого делается предмет*) аз; **сделать из дерева** аз чӯб сохтан; **ложки из серебра** чумчаҳои нуқра 4. (*указывает на изменение, превращение*) аз; **из посёлка вырос город** қасаба шаҳр шуд, қасаба ба шаҳр табдил ёфт 5. (*указывает на причину, цель, основание*) аз руи..., барои..., баҳри...; **из благодарности** аз руи миннатдорӣ; **из любви к искусству** аз руи ҳавас (иштиёқ) ба санъат; **из уважения к вам** ба хотири шумо, аз руи эҳтироме, ки нисбат ба шумо дорам 6. *в сочет. с предлогом «в»* то, аз, ба; **из года в год** сол ба (аз, то) сол; **изо дня в день** руз то руз, руз ба руз

из= (**изо=, изъ=, ис=**) *приставка* 1. *сарчаспаки феъл, ки маъноҳои зеринро мефаҳмонад:* 1) *самти ҳаракат аз дарун ба берун* — **извергнуть** ҳаво додан; **излучать** паҳн кардан, нур пошидан (афкандан), шуоъ додан; **изгнать** рондан, ҳай (пеш) кардан 2) *паҳншавии амал ба тамоми предмет* — **избегать** давр зада баромадан; **изранить** сахт (ба куллӣ) захмдор кардан; **изрезать** бурида пора-пора кардан 3) *ба охир ё то ба ҳадде расонидани амал* — **изжарить** бирьён кардан, зирбондан; **измучить** сахт азоб додан; **изругать** сахт мазаммат (ҷанг, ҳақоратборон) кардан 4) *сарф шудани предмет, ки объекти амал мебошад* — **измылить** совида-совида (зада-зада) то охир сарф кардан (*оид ба собун*); **израсходовать** харҷ (сарф, хароҷот) кардан 5) *бо иловаи ҳиссачаи «=ся» дорои сифат ё хусусияте шудан* — **изолгаться** дуруғгуи гузаро шудан, дурӯғгӯй шуда рафтан 2. *аз сифат ҳосил шудани зарф* — **изжелта-** зардчатоб, зардча

изб||а *ж* 1. хонаи чубини деҳқон 2. *ист.* хона, идора, муассиса (*дар Москваи Русь*); **посольская ~а** сафоратхона ◇ **белая ~а** хонаи дудкашдор (муридор); **дымная (курная, чёрная) ~а** *уст.* хонаи сиёх (бедудкаш, бемурӣ); **выносить сор из ~ы** гапи хонаро ба куча баровардан

избавитель *м* халосгар, озодкунанда, наҷотбахш, наҷотдиҳанда

избав||ить *сов. кого-что* 1. *от кого-чего* халос (озод, раҳо) кардан, наҷот додан; **~ить от смерти** аз марг халос кардан; **~ить от хлопот** аз ташвиш озод кардан 2. *повел.* **избавь(те)** *разг.*

мон(ед), зурӣ накун(ед); **~ьте меня от этого** маро аз ин ташвиш халос кунед ✧ **~и бог!** худо нигаҳ дорад!, худо накунад!

избавиться *сов. от кого-чего* халос (озод, раҳо) шудан, наҷот ёфтан; **~ от опасности** аз хатар халос шудан; **~ от наказания** аз ҷазо раҳо ёфтан

избавление *с* (*по знач. гл.* **избавить**) халос (озод, раҳо) кардан(и), наҷот додан(и)

избавлять *несов. см.* **избавить 1**

избавляться *несов.* 1. *см.* **избавиться;** 2. *страд.* халос (озод, раҳо) карда шудан, наҷот ёфтан

избалованиость *ж* эркагӣ, нозпарварда будан(и)

избалованиый, -ая, -ое 1. *прич.* эрка (нозпарварда) шуда 2. *прил.* эрка, ёзида, нозпарварда; **~ ребёнок** кудаки эрка

избал||овать *сов. кого* 1. эрка (нозпарварда) кардан, ёзондан; **~овать ребёнка** кудакро эрка кардан 2. *чем* ёзондан, аз худ равондан; **он ~ован успехом** вайро барори кор аз худ равондааст

избаловаться *сов.* 1. эрка (нозпарварда) шудан 2. *разг.* танбал (лаванд) шудан

избач *м* мудири (мутасаддии) қироатхонаи деҳа

изба-читальня *ж* қироатхонаи деҳа

избега||ть *сов. что разг.* давр зада баромадан; **я ~л весь город** ман тамоми шаҳрро давр зада баромадам

избегать *несов.* 1. *см.* **избегнуть, избежать;** 2. *кого-чего или с неопр.* канора гирифтан, худдорӣ кардан, гурехтан, дурӣ ҷустан; **~ знакомых** аз шиносон дурӣ ҷустан

избегаться *сов. разг.* 1. аз даводавӣ (аз давуғеҷ, аз ташвиш) шалпар (хаста) шудан 2. *перен.* бетартиб (бесар) шудан

избегнуть *сов. чего* халос шудан, наҷот (раҳо) ёфтан; **~ наказания** аз ҷазо халос шудан (ворастан)

избежание *с*: **во ~** *чего* барои руй надодан(и), барои пешгирӣ кардан(и), барои содир нашудан(и); **во ~ ошибки (ошибок)** барои пешгирӣ кардани хато

избежать *сов. чего* халос шудан, наҷот (раҳо) ёфтан; **~ смерти** аз марг халос шудан

избёнка *ж разг. уменьш. к* **изба 1**

избивать *несов. см.* **избить**

избиваться *несов. страд.* зада (куфта) шудан, зарбу лат карда шудан

избиение *с* 1. (*по знач. гл.* **избить**) задан(и), куфтан(и), зарбу лат кардан(и) 2. қатли ом, куштор ✧ **~ младенцев** *ирон.* сахтгирии аз ҳад зиёд

избиратель||ь *м* интихобкунанда; **волеизъявление ~ей** изҳори ирода кардани интихобкунандагон

избирательница *женск. к* **избиратель**

избирательность *ж* таъсиргузории хос, хос будани таъсир; **~ действия лекарств** таъсири хоси дору

избирательн||ый, -ая, -ое 1. интихоботӣ, ...и интихобот; **~ый закон** қонуни интихобот; **~ое право** ҳуқуқи интихоб; **~ый бюллетень** бюллетени интихобот; **~ый участок** участкаи интихоботи; **~ый округ** округи интихоботӣ; **~ая кампания** маъракаи интихобот 2. ...и таъсиргузоронӣ; **~ое действие лекарственных веществ** таъсири хоси дору

избирательский, -ая, -ое ...и интихобкунанда

избирать *несов. см.* **избрать**

избираться *несов. страд.* интихоб карда шудан

избитость *ж* забонзад будан(и), аз даҳон монда будан(и); **~ темы** забонзад будани мавзӯъ

избит||ый, -ая, -ое 1. *прич* задашуда, куфташуда 2. *прил.* задашуда, куфташуда, латхӯрда 3. *прил. перен.* забонзадшуда, аз даҳон монда, оддӣ, мубтазал; **~ое выражение** ибораи забонзадшуда

избить *сов. кого-что* задан, куфтан, зарбулат кардан; **~ до полусмерти** зада нимҷон кардан, мурданивор задан

избоина *ж с.-х. и обл.* (*жмыхи*) кунҷора, кунҷола; **льняиая ~** кунҷораи загир

изболе||ть *сов. прост.* дилхун шудан, об шудан; **всё сердце ~ло** дил об шуд (шуда рафт)

изболе||ться *сов. см.* **изболеть; душа ~лась** дил об шуд, дилу ҷонам сухт

изборник *м ист., лит.* рисола, тазкира (*дар Руси Қадим*)

изборождать *несов. см.* **избороздить**

изборозди||ть *сов. что* 1. чок-чок кардан, бурида гузаштан; оғард кардан; **овраги ~ли степь** оббурдаҳо даштро чок-чок кардаанд 2. бурма-бурма (чин-чин) кардан; **морщины ~ли его лицо** чину оҷингҳо руи вайро бурма-бурма кардаанд 3. *перен.* сайру гашт (тай) кардан; **он ~л иемало морей** вай дар баҳрҳо басе сайру гашт кардааст

избочениваться *несов. см.* **избочениться**

избочениться *сов. разг.* якпаҳлу шудан, даст ба камар кардан

избраиие *с* (*по знач. гл.* **избрать**) интихоб, интихоб кардан(и), хоста гирифтан(и); **~ делегата** интихоби вакил; **~ профессии** интихоби касб

избранник *м* 1. интихобкарда, интихобшуда, баргузида, хосташуда; **~ народа** интихобкардаи халқ 2. маҳбуб, маъшуқ, дилхоҳ, баргузида; **~ сердца** маҳбуб

избранница *ж* маҳбуба, маъшуқа; **~ сердца** дилбар, маҳбуба

избраин||ый, -ая, -ое 1. *прич.* интихобшуда, хосташуда 2. *прил.* мунтахаб; **~ые произведения** асарҳои мунтахаб 3. *прил.* баргузида, мумтоз, беҳтарин 4. *в знач. сущ.* **избранные** *мн.* баргузидагон; **для ~ых** барои баргузидагон

избрать *сов.* 1. *кого-что* интихоб кардан, хостан; **~ в народные судьи** ба вазифаи судьяи халқӣ интихоб кардан; **~ в депутаты** ба депутатӣ интихоб кардан 2. *что* касб кардан, хоста гирифтан; **~ профессией литературу** адабиётро касб кардан

избушка *ж уменьш. к* **изба** 1; кулба; **~ на курьих иожках** 1) *фольк.* кулбаи мурғпочак, кулбаи қақа (*кулбаи афсонавӣ*) 2) хоначаи фарсуда

избыт||ок *м* 1. барзиёдӣ, чизи зиёдатӣ, баракат; **~ок хлеба** баракати ғалла 2. файз, фаровонӣ, сероб; **от ~ка чувств** аз саршории эҳсос ✧ **в ~ке, с ~ком** фаровон, сероб

избыточный, -ая, -ое 1. барзиёд, зиёдатӣ, бобаракат 2. (*обильный*) бисьёр, фаровон, сероб, саршор

избян||ой, -ая, -ое ...и хонаи чубин, ...и кулба; **~ые окна** тирезачаҳои кулба

извалять *сов. кого-что прост.* ғелонда олондан, ҷулондан, ифлос кардан; **~ в снегу** ғелоида барфолуд кардан, барфҷулон кардан

изваляться *сов. разг.* ғелида ифлос шудан, ҷулидан

изваяние *с* ҳайкал, муҷассама

изваять *сов. кого-что* ҳайкал тарошидан, муҷассама сохтан

изведать *сов. что* дидан, аз сар гузаронидан, чашидан, таҳаммул кардан; **~ горе** ғам дидан, ғаму ғусса хурдан

изведывать *несов. см.* **изведать**

извека *нареч. уст.* аз қадим, солҳои дароз, аз азал

изверг *м* золим, ваҳшӣ, хунхор

извергать *несов. см.* **извергнуть; ~ проклятия** лаънат кардан (хондан)

извергаться *несов.* 1. *см.* **извергнуться;** 2. *страд.* ҳаво дода шудан

извергнуть *сов.* 1. *что* ҳаво додан, фаввора задан; **вулкан изверг лаву** вулкан лаваро фаввора занонда баровард 2. *кого-что перен. высок.* (*изгнать*) дафъ (рад, хориҷ, ҳай) кардан, баровардан

изверг||нуться *сов.* баромадан, хориҷ шудан, фаввора зада баромадаи; оташ фишондан; **лава ~лась из вулкаиа** лава аз вулкан фаввора зада баромад

извержение *с* (*по знач. гл.* **извергиуть**) ҳаво додан(и), фаввора задан(и); (*по знач. гл.* **извергиуться**) хориҷ шудан(и); зада баромадан(и); оташфишонӣ; **~ лавы** фаввора зада баромадани лава; **~ вулкаиа** оташфишонии вулкан

извериваться *несов. см.* **извериться**

извериться *сов. в ком-чём* дигар бовар (эътимод) накардан (надоштан), ихлос гаштан; **~ в своих силах** ба қувваи худ дигар бовар накардан; **~ в людях** ба мардум дигар эътимод надоштан

извернуться *сов. разг.* 1. устои карда чапғалат додан, чолокона худро ба канор гирифтан 2. *перен.* илоҷ ёфтан (кардан)

изверте||ться *сов. разг.* сабуккирдор (сабук) шудан, бемулоҳиза шу-

дан; де́вочка совсе́м ~лась духтарак тамоман бемулоҳиза шудааст

извёртываться *несов. см.* **изверну́ться**

известегаси́лка *ж* оҳаккушак, оҳакшукуфонак

извести́ *сов.* 1. *что разг.* сарф (харҷ, талаф, хароҷот) кардан, равондан; ~ **все де́ньги на поку́пки** ҳамаи пулро барои харид сарф кардан 2. *кого* маҳв (нест, нобуд, қир, талаф) кардан; ~ **тарака́нов** нонхуракҳоро нест кардан 3. *кого разг.* азоб додан, ба танг овардан, аз ҷон безор кардан, ба ҷон расондан; ~ **насме́шками** бо ҳазлу мазоҳ ба танг овардан (ба ҷон расондан)

изве́сти||е *с* 1. хабар, ахборот, огоҳӣ, маълумот; **ра́достное** ~**е** мужда; **переда́ча после́дних** ~**й** шунавонидани хабарҳои охирин 2. *мн.* **Изве́стия** Ахборот, Нашрия; «**Изве́стия Акаде́мии нау́к**» «Ахбороти Академияи фанҳо»

известúсь *сов. разг.* 1. *(измучиться)* азоб кашидан, ба танг омадан, аз ҷон сер (безор) шудан 2. *(исчезнуть)* несту нобуд гаштан

известú||ть *сов. кого-что* хабар додан, хабардор (маълум) кардан, огоҳонидан; **он** ~**л о своём прие́зде** вай аз омадани худ хабар дод

извёстка *ж разг. см.* **и́звесть**

известкова́ние *с* (*по знач. гл.* **известкова́ть**) оҳакзанӣ, оҳакпошӣ, оҳакдор кардан(и); ~ **по́чвы** оҳакдор кардани замин

известкова́ть *сов.*, *несов. что* оҳак задан (пошидан, андохтан), оҳакдор кардан

известко́в||ый, -ая, -ое 1. ...и оҳак, оҳакӣ; оҳакдор, оҳакнок; ~**ый заво́д** заводи оҳак; ~**ые пе́чи** хумдонҳои оҳакпазӣ; ~**ые удобре́ния** нуриҳои оҳакдор 2. *см.* **известняко́вый**

изве́стно 1. *в знач. сказ. безл.* маълум (возеҳ) аст; **э́то вам, вероя́тно,** ~? ин ба шумо шояд маълум бошад? 2. *в знач. вводн. сл. разг.* албатта; **о чём вы говори́ли? — Изве́стно, об экза́менах** шумо аз чӣ хусус гап задед? — Албатта, аз хусуси имтиҳонот ◇ **как** ~... *в знач. вводн. сл.* чунон ки (он тавре ки) маълум аст..., маълум аст, ки...

изве́стность *ж* 1. маълум будан(и) 2. шуҳрат, номдорӣ, шуҳратнокӣ, шуҳратмандӣ; **приобрести́** ~ шуҳрат пайдо кардан, машҳур шудан 3. *разг.* одами машҳур, шахси номдор ◇ **ста́вить в** ~ *кого-что* хабар додан, огоҳ (аён, маълум) кардан

изве́стн||ый, -ая, -ое (изве́ст|ен, -на, -но) 1. маълум, машҳур; **э́то** ~**ая пе́сня** ин суруди машҳур аст; **он изве́стен как большо́й люби́тель му́зыки** у ҳамчун ишқбози калони мусиқӣ машҳур аст 2. машҳур, маъруф, номи, шуҳратманд, шуҳратнок; ~**ый писа́тель** нависандаи номӣ 3. ба ҳама маълум; **она́** ~**ая мо́дница** вай олуфтаи ба ҳама маълум аст 4. муайян, маълум; **в э́том есть** ~**ый смысл** ин маънии муайяне дорад 5. маълум, ошно, шинос; ~**ый вам челове́к** одами ба шумо маълум 6. баъзе; **в** ~**ых слу́чаях** дар баъзе мавридҳо, баъзан 7. *в знач. сущ.* **изве́стное** *с мат.* адади маълум ◇ ~**ое де́ло** *разг.* маълум ки..., албатта; **до (в)** ~**ой сте́пени** то дараҷае, то андозае, то як андоза

известня́к *м* оҳаксанг

известняко́в||ый, -ая, -ое оҳакӣ, ...и оҳаксанг; ~**ые го́ры** куҳҳои оҳаксанг

и́звесть *ж* оҳак; **гашёная** ~ оҳаки шукуфта (кушта); **негашёная** ~ оҳаки ношукуфта (обнодида); **гаси́ть** ~ оҳакро шукуфондан

изве́т *м уст.* хабаркашӣ; буҳтон, тӯҳмат, ғайбат

изве́тчик *м уст.* хабаркаш; туҳматзананда, ғайбаткунанда

изветша́л||ый, -ая, -ое *уст.* фарсуда, фартут, шалақ, куҳнашуда; ~**ая ме́бель** мебели шалақ (куҳнашуда)

изветша́||ть *сов. уст.* фарсуда (шалақ, куҳна) шудан, фартут гардидан; **дом совсе́м** ~**л** хона тамоман кӯҳна шудааст

изве́чно *нареч.* аз азал, аз қадим

изве́чность *ж книжн.* азалият, азалӣ будан(и); ~ **существова́ния мате́рии** азалӣ будани материя

изве́чн||ый, -ая, -ое (изве́ч|ен, -на, -но) 1. азалӣ, абадӣ; ~**ое чу́вство любви́ к ро́дине** ҳисси абадии муҳаббати ватан 2. қадимӣ, кӯҳна; **монго́лы** — ~**ые скотово́ды** мугулҳо чорводорони қадимианд

извеща́ть *несов. см.* **извести́ть**

извеща́ться *несов. страд.* хабардор карда шудан, огоҳонида шудан, маълум карда шудан

извеще́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **извести́ть**) хабар додан(и), хабардор кардан(и), огоҳонидан(и); ~ **о собра́нии** аз маҷлис огоҳонидан(и) 2. хабар, маълумот, ахборот; **он получи́л э́то** ~ **по телефо́ну** у ин маълумотро ба воситаи телефон гирифт 3. огоҳинома, хабарнома; **платёжное** ~ огоҳиномаи пулдиҳӣ; **посла́ть** ~ **по по́чте** ба воситаи почта огоҳинома фиристодан

изви́в *м* печ, печухам, печутоб, ҳалқа, хамгашт; ~**ы реки́** хамгашти дарьё

извива́ть *несов. см.* **изви́ть**

извива́||ться *несов.* 1. печ хурдан, печутоб хурдан, морпеч шудан; **тропи́нка** ~**лась по го́рному скло́ну** пайраҳа дар нишебии кух печутоб хурда мерафт 2. печутоб хурда рафтан; **карава́н** ~**лся по пусты́не** корвон аз саҳро печутоб хурда мерафт 3. печутоб хурдан, ҳалқа задан (шудан); **змея́ угрожа́юще** ~**лась** мор таҳдидомез печутоб мехурд

изви́лин||а *ж* хамгашт, печу тоб, шиканҷ, каҷӣ, печу хам; ~**ы ре́чки** хамгаштҳои дарьё ◇ ~**ы мо́зга** раххои майна, шиканҷҳои мағз

изви́листость *ж* печдарпечӣ, каҷукилебӣ, хамурости, морпеч будан(и); ~ **грани́цы** каҷукилебии сарҳад

изви́лист||ый, -ая, -ое (изви́лист, -а, -о) печ дар печ, каҷу килеб, шиканҷдор, печида, хаму рост, морпеч, ҳалқа-ҳалқа; ~**ые берега́** соҳилҳои хаму рост

извине́ни||е *с* 1. узр, афв, маъзарат; **проси́ть** ~**я** узр хостан (пурсидан) 2. узрпурсӣ, афвпурсӣ, афвталабӣ, узр пурсидан, маъзарат хостан; **принести́** ~**я за опозда́ние** барои дермонӣ узр хостан 3. узр, маъзур доштан(и), маъзур донистан(и); **его́ боле́знь мо́жет служи́ть** ~**ем** беморим у узр шуда метавонад

извини́тельн||ый, -ая, -ое (извини́те|лен, -льна, -льно) 1. узрнок, афвпазир; ~**ая причи́на** сабаби узрнок 2. *тк. полн. ф. уст.* узрхоҳона; ~**ое письмо́** мактуби маъзаратомез

извини́т||ь *сов. кого-что* 1. афв кардан, маъзур донистан (доштан, шуморидан), бахшидан; ~**е меня́ за опозда́ние** маро барои дер монданам маъзур доред 2. *чем (оправдать)* бахшидан, афв кардан ◇ ~**е; нет,** ~**е; нет, уж [э́то]** ~**е** мебахшед, ин тавр не; ~**е за выраже́ние** мебахшед, дағал бошад ҳам...

извини́ться *сов.* узр хостан (пурсидан), афв талабидан; ~ **пе́ред прису́тствующими** аз ҳозирон узр пурсидан

извиня́ть *несов. см.* **извини́ть**

извиня́||ться *несов.* 1. *см.* **извини́ться**; 2. 1 *л. ед. наст. вр.* **извиняю́сь** *прост.* мебахшед 3. *страд.* афв карда шудан, бахшида шудан, маъзур дошта шудан

извиня́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* афвкунанда, маъзурдоранда, бахшанда 2. *прил.* узрнок, узрдор, афвпазир; ~**ие обстоя́тельства** сабабҳои узрнок

извиня́ющ||ийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* узрхоҳанда, узрпурсанда 2. *прил.* узрхоҳона, маъзаратомез; ~**аяся улы́бка** табассуми маъзаратомез; ~**ийся го́лос** овози узрхоҳона

изви́тый, -ая, -ое 1. *прич.* печонда-шуда 2. *прил.* ҳалқа-ҳалқа, морпеч, пурпечутоб

изви́ть *сов. что* печонидан, ҳалқа-ҳалқа кардан, печутоб додан; ~ **про́волоку** симро печонидан

изви́ться *сов.* тоб хурдан, печутоб хурдан, морпеч шудан

извлека́ть *несов. см.* **извле́чь**

извлека́ться *несов.* 1. *см.* **извле́чься**; 2. *страд.* бароварда (кашида) шудан; гирифта шудан

извлече́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **извле́чь**) баровардан(и), кашидан(и); ҳосил кардан(и); ба даст даровардан(и); ~ **зано́зы** баровардани хор; ~ **мета́лла из руды́** аз маъдан ҳосил кардани металл; ~ **вы́годы** фоида гирифтан(и) 2. иқтибос, истинод ◇ ~ **ко́рня** *мат.* баровардани реша

извле́чь *сов.* 1. *кого-что* баровардан, кашидан, кашида баровардан; ~ **оско́лок снаря́да** пораи тири тупро аз бадан баровардан 2. *что* ҳосил кардан, гирифтан; ~ **кероси́н из не́фти**

аз нафт карасин ҳосил кардан 3. *что перен.* ба даст даровардан, гирифтан; ~ **но́вые да́нные** маълумоти нав ба даст даровардан 4. *что перен.* гирифтан, бурдан; ~ **уро́к из случи́вшегося** аз ҳодисаи руйдода сабақ гирифтан 5. *что перен. книжн.* (*вызвать слёзы и т. п.*) баровардан ◇ ~ **ко́рень** *мат.* реша баровардан

извле́||чься *сов.* баромадан; бароварда (кашида) шудан; **зано́за легко́ ~кла́сь** хор осонакак баромад

извне́ *нареч.* аз берун, аз хориҷ; **без вмеша́тельства** ~ бе дахолати (мудохилаи) беруна; **получи́ть по́мощь** ~ ёрмандии беруна гирифтан

изво́д I *м* (*по знач. гл.* **извести́** 1) *прост.* сарф, харҷ, хароҷот; ~ **материа́лов** сарф кардани масолеҳ

изво́д II *м лит.* нусхабадал, қайди фарқияти матнҳои як асар

изводи́ть *несов. см.* **извести́**

изводи́ться *несов.* 1. *см.* **извести́сь**; 2. *страд.* сарф (харҷ) карда шудан; маҳв (нест) карда шудан; азоб дода шудан, ба танг оварда шудан

изво́з *м уст.* кирокашӣ, боркашӣ, боркашонӣ (*бо асп*); **занима́ться ~ом** кирокашӣ кардан

извози́ть *сов. что прост.* ифлос (чиркин, олуда) кардан, олондан; ~ **башмаки́ в гли́не** кафшро лой кардан

извози́ться *сов. прост.* ифлос (чиркин, олуда) шудан, худро олондан; ~ **в муке́** бо орд олуда шудан

изво́зничать *несов. уст.* кирокашӣ (боркашӣ, аробакашӣ, боркашонӣ) кардан

изво́зный, -ая, -ое *уст.* ...и кирокашӣ, ...и боркашӣ, ...и боркашонӣ; ~ **про́мысел** касби боркашӣ, боркашонӣ

изво́зчик *м* 1. кирокаш; **легково́й** ~ фойтунчӣ; **ломово́й** ~ аробакаш 2. фойтун; **наня́ть ~а** фойтун киро кардан

изво́зчицкий, -ая, -ое 1. *разг.* ...и кирокаш; ...и фойтунчӣ; ...и аробакаш 2. *см.* **изво́зчичий** 2

изво́зчичий, -ья, -ье 1. ...и кирокаш; ...и фойтунчӣ; ...и аробакаш 2. *перен. уст.* дағал, дурушт, чапанӣ, чапан(она)

изволе́ние *с уст. книжн.* 1. (*воля*) ихтиёр, хоҳиш 2. (*позволение*) рухсат, иҷозат, изн

изво́л||ить *несов.* 1. *чего или с неопр. уст.* марҳамат кардан, фармудан; **не ~ите ли ча́ю?** чой марҳамат намекунед? 2. *бо масдари феъл маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *уст. эҳтиром*; **вы, ка́жется, ~или спать?** зоҳиран, шумо хобидаед? 2) *норизоӣ ё киноя*; **вы ~или яви́ться с больши́м опозда́нием** шумо марҳамат карда хеле дер омадед 3. *повел.* **изво́ль(те)** *бо масдари феъл барои ифодаи маъноҳои зерин кор фармуда мешавад:* 1) *илтимоси боадабона*; **~ьте сесть** лутфан бишинед 2) *амр ё насиҳат*; **~ьте вы́йти!** марҳамат карда бароед!; **~ьте чита́ть!** марҳамат карда хонед! 3) *норозигӣ, ҳасрат*; **вот и ~ьте здесь жить!** дар ин ҷо зиндагӣ карда ҳам бинед! 4. *повел.* **изво́ль(те)** *разг.* 1) хуб, майлаш; **~ь(те), пойдём** хуб, равем 2) (*пожалуйста*) марҳамат ◇ **чего́ ~ите?** *уст.* чӣ хизмат?

изволнова́ться *сов. разг.* мушавваш шудан, аз ҳад зиёд хавотир шудан, аз ҳаяҷон азоб кашидан; ташвиш кашидан; ~ **в ожида́нии** дар интизорӣ аз ҳад зиёд хавотир шудан

изво́льничаться *сов. прост.* (*стать непослушным*) шух (гапнодаро) шудан

извора́чива||ться *несов.* 1. *см.* **изверну́ться**; 2. *перен. разг.* маккорӣ (айёрӣ, ҳилаву найранг) кардан; **как он ни ~лся — ничего́ не помогло́** у ҳар чӣ қадар ҳилаву найранг карда бошад ҳам, фоидае набахшид

изворо́т *м уст.* 1. хамгашт, гардишгоҳ; **~ы доро́ги** хамгаштҳои роҳ 2. *перен.* (*хитрость*) ҳила, найранг, ҳилаву найранг

изворо́тистый, -ая, -ое (изворотист, -а, -о) *прост. см.* **изворо́тливый**

изворо́тливость *ж* 1. чолокӣ, корчаллонӣ, чустучолокӣ 2. чаққонӣ, ҳозирҷавобӣ; ~ **ума́** ҳушьёрӣ, зиракӣ

изворо́тлив||ый, -ая, -ое (изворотлив, -а, -о) 1. чолок, чорагар, корчаллон; **~ая лиси́ца** рубоҳи чолок 2. чаққон, ҳозирҷавоб; **~ый челове́к** одами чаққон; **~ый ум** ақли тез (гиро)

изврати́||ть *сов.* 1. *что* таҳриф кардан, вайрон кардан; **~ть основны́е положе́ния докла́да** нуктаҳои асосии маърузаро таҳриф кардан 2. *кого* вайрон кардан, ба роҳи бад бурдан; **его́ ~ла нездоро́вая среда́** уро муҳити бад вайрон кардааст

изврати́ться *сов.* таҳриф шудан, вайрон гардидан

извраща́ть *несов. см.* **изврати́ть**

извраща́ться *несов.* 1. *см.* **изврати́ться**; 2. *страд.* таҳриф карда шудан, вайрон карда шудан

извраще́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **изврати́ть**) таҳриф, вайронкунӣ; ~ **и́стины** таҳрифи ҳақиқат 2. вайроншавӣ, ғайритабиӣ будан(и), фасод

извращённость *ж* 1. ғалат тафсир (таъбир, маънидод) карда шудан(и); ~ **фа́ктов** ғалат маънидод карда шудани фактҳо 2. вайрон будан(и), ғайритабиӣ будан(и), вайронӣ; ~ **нра́вов** вайронии ахлоқ

извращённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* таҳриф кардашуда, вайрон кардашуда 2. *прил.* нодуруст, ғалат, вайрон; **~ое толкова́ние** маънидоди ғалат 3. *прил.* вайрон, ғайритабиӣ; **~ая привы́чка** одати ғайритабиӣ 4. *прил.* ахлоқан вайрон, фосиқ(она), фосид; **~ый челове́к** одами фосиқ

изга́дить *сов. что прост.* 1. ифлос (чиркин, олуда) кардан; ~ **пла́тье** либосро ифлос кардан 2. *перен.* (*испортить*) ганда (вайрон) кардан

изга́диться *сов. прост.* 1. ифлос (чиркин, олуда) шудан 2. *перен.* ганда (вайрон) шудан

изги́б *м* 1. гардиш, хамгашт, хамӣ, каҷӣ, печ, ҳалқа; **~ы реки́** печутоби дарьё 2. хат, тарҳ; **краси́вый ~ ше́и** тарҳи зебои гардан 3. *чаще мн.* **изги́бы** *перен.* пасту баландиҳо; **тонча́йшие ~ы мело́дии** пасту баландиҳои латифи оҳанг

изгиба́емость *ж* хамшавандагӣ, каҷшавандагӣ

изгиба́ние *с* (*по знач. гл.* **изгиба́ть**) хамкунӣ, хам (каҷ, қат) кардан(и); (*по знач. гл.* **изгиба́ться**) хамидан(и), хамшавӣ, каҷшавӣ

изгиба́||ть *несов. что* хам (каҷ, қат) кардан; **ле́беди ~ли ше́и** қувон гарданашонро хам мекарданд

изгиба́||ться *несов.* 1. хамидан, хам (каҷ, қат) шудан; **~ться под тя́жестью но́ши** аз вазни бор хамидан 2. давр (чарх) задан, печутоб хурда рафтан; **по́езд ~лся по бе́регу реки́** поезд қад-қади соҳили дарьё печутоб хурда мерафт 3. гаштан, тоб хӯрдан; **доро́га ~ется на восто́к** роҳ ба тарафи шарқ тоб мехурад

изгла́ди||ть *сов. что прям., перен.* барҳам додан, нест кардан; **вре́мя ~ло на́дписи на па́мятнике** бо мурури замон навиштаҷоти ёдгорӣ кур (нест) шуда рафтааст; **его́ слова́ ~ли нело́вкость** суханони у ногувориии ба миён омадаро барҳам дод; **он стара́лся ~ть неприя́тное впечатле́ние** у кӯшиш мекард, ки таассуроти нохушро ислоҳ кунад ◇ **~ть из па́мяти** фаромуш кунондан

изгла́ди||ться *сов. прям., перен.* барҳам хурдан, нест шудан, рафтан; **морщи́ны на его́ лбу ~лись** чинҳои пешониаш ноаён шудаанд; **дурно́е впечатле́ние ~лось** таассуроти нохуш барҳам хурд ◇ **~ться из па́мяти** фаромуш шудан, аз ёд (хотир) рафтан

изгла́живать *несов. см.* **изгла́дить**

изгла́живаться *несов.* 1. *см.* **изгла́диться**; 2. *страд.* барҳам дода шудан, нест карда шудан

изглода́||ть *сов. что разг.* хоидан, хоида хурдан; **за́йцы ~ли капу́сту** харгӯшҳо карамро хоида хурданд

изгна́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **изгна́ть**) бадарға кардан(и), рондан(и), хориҷ (ҳай, пеш) кардан(и); барҳам додан(и), тарк кардан(и); **~е из го́рода** аз шаҳр пеш кардан(и) 2. бадарға; **жить в ~и** дар бадарға зистан

изгна́нник *м* бадарғашуда, бадарға кардашуда, рондашуда, ҳай кардашуда

изгна́нническ||ий, -ая, -ое бадарғагӣ, ...и бадарға; **~ое существова́ние** ҳаёти бадарғагӣ

изгна́ть *сов.* 1. *кого* бадарға кардан, рондан, хориҷ (ҳай, пеш) кардан; ~ **интерве́нтов** интервентҳоро пеш кардан 2. *что* барҳам додан, тарк кардан, партофтан, дур кардан; ~ **из употребле́ния** аз истеъмол дур кардан; ~ **все сомне́ния** ҳамаи шубҳаҳоро дур кардан

изгнива́ть *несов. см.* **изгни́ть**

изгни́||ть *сов. разг.* пусидан; **ступе́ньки в погребе́ ~ли** зинапояҳои таҳхона пусидаанд

изгой *м* 1. *ист.* озодшуда (*одатан ғулом дар Руси Қадим*) 2. *перен.* муртад, мардуд, радди мардум (маърака)

изголо́вье *с* 1. (*постели*) сари болин, теппаи сар; **в ~ висе́ла карти́на** дар сари болин сурате овезон буд 2. (*возвышение для головы*) тагсарӣ; **~м ему́ служи́ло седло́** тагсариаш зин буд

изголода||ться *сов.* 1. гуруснагӣ кашидан; **скот ~лся за́ зиму** чорво дар зимистон гуруснагӣ кашид 2. *по чему перен.* чизеро пазмон шудан, ташнаи чизе будан, пазмонӣ кашидан; **~ться по книгам** ташнаи китоб будан (шудан)

изгоня́ть *несов. см.* **изгна́ть**

изгоня́ться *несов. страд.* бадарға карда шудан; барҳам дода шудан

изго́рбить *сов. что прост.* хам кардан; букрӣ (кузапушт) кардан

изго́рбиться *сов. прост.* хамидан, хам шудан; букрӣ (кузапушт) шудан

изгорева́||ться *сов. разг.* азоб кашидан, мусибат дидан, ғам (ғусса) хурдан; **он ~лся вдали́ от родных** у аз хешовандон дур афтода ғусса мехурд

и́згородь *ж* панҷара, деворча, чиғ, шиғ, тавора; **поста́вить но́вую ~** деворчаи нав сохтан ◇ **жива́я ~** таворан буттагӣ

изгота́вливать *несов. см.* **изгото́вить**

изгота́вливаться *несов.* 1. *см.* **изготовиться;** 2. *страд.* сохта шудан, истеҳсол (таҳия) карда шудан

изгото́вить *сов. что* 1. сохтан, истеҳсол (таҳия) кардан; **~ маке́т кни́ги** макети китобро таҳия кардан 2. *уст. прост.* тайёр (таҳия) кардан; **~ заявле́ние** ариза навиштан 3. *прост.* тайёр кардан, пухтан: **~ у́жин** таоми шом тайёр кардан ◇ **~ ружьё** милтиқро ба паррондан омода (муҳайё) кардан

изготови||ться *сов. к чему и без доп. воен., спорт.* тайёр (ҳозир) шудан; **ро́та ~лась по трево́ге** рота бо шунидани бонги хатар тайёр шуд

изготовк||а *ж* (*по знач. гл.* **изгото́виться**) тайёр (ҳозир) шудан(и); **~а к стрельбе́** тайёрӣ ба тирпарронӣ; **взять ружьё на ~у** милтиқро ба паррондан омода (муҳайё) кардан

изготовле́ние *с* (*по знач. гл.* **изгото́вить**) сохтан(и), истеҳсол кардан(и); тайёр кардан(и), пухтан(и); **~ станко́в-автома́тов** истеҳсоли дастгоҳҳои автоматӣ; **~ полуфабрика́тов** тайёр кардани маҳсулоти нимтайёр

изготовля́ть *несов. см* **изгото́вить**

изготовля́ться *несов.* 1. *см.* **изготовиться;** 2. *страд.* сохта шудан, истеҳсол (тайёр) карда шудан

изгрыза́ть *несов. см.* **изгры́зть**

изгрыза́ться *несов. страд.* хоида шудан

изгрыз||ть *сов. что* 1. хоидан; **мыши ~ли я́щик** мушҳо қуттиро хоидаанд 2. хурдан; **ко́шка ~ла ры́бу** гурба моҳиро хурдааст

изгрязни́ть *сов. кого-что разг.* ифлос (чиркин, олуда) кардан; **~ ру́ки** дастҳоро ифлос кардан

изгрязни́ться *сов. разг.* ифлос (чиркин, лойолуд, олуда) шудан; **~ в пыли́** дар чангу хок олуда шудан

изгрязня́ть *несов. см.* **изгрязни́ть**

изгрязня́ться *несов.* 1. *см.* **изгрязни́ться;** 2. *страд.* ифлос (чиркин, лойолуд) карда шудан

издава́ть I *несов. см.* **изда́ть** I

издава́ть II *несов. см.* **издать** II; **~ за́пах** бӯй доштан (баровардан)

издава́ться I *несов.* 1. нашр (чоп, табъ) шудан, бароварда шудан, чоп шуда (аз чоп) баромадан, нашр гардидан; **в СССР издаются кни́ги на ра́зных языка́х** дар СССР ба забонҳои гуногун китоб мебароянд 2. *страд.* нашр (чоп, табъ) карда шудан

издава́ться II *несов. страд.* бароварда шудан

и́здавна *нареч.* аз қадим (дер, хеле вақт) боз; **пшени́цу здесь се́ют ~** дар ин ҷо аз қадим боз гандум мекоранд

изда́лбливать *несов. см.* **издолби́ть**

изда́лбливаться *несов. страд.* сурох (шикоф) карда шудан

издалека́ *нареч.* 1. аз дур; **дом был ви́ден ~** хона аз дур намоён буд 2. аз ҷои дур, аз дур; **мы прие́хали ~** мо аз ҷои дур омадаем ◇ **нача́ть ~** аз дур даромад кардан

издале́ча, издале́че *нареч. прост. см.* **издалека́**

и́здали *нареч.* 1. аз дур; **зву́ки орке́стра бы́ли слышны́ ещё ~** овози оркестр ҳануз аз дур шунида мешуд 2. *прост.* аз ҷои дур; **он прие́хал ~** у аз ҷои дур омадааст

изда́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **изда́ть** I) нашр, чоп, табъ; баровардан(и), эълон кардан(и); **~е словаря́ намеча́ется в бу́дущем году́** нашри луғат дар соли оянда пешбинӣ шудааст; **~е прика́за** баровардани фармон; **~е зако́на** баровардани қонун 2. (*книга, журнал и т. п.*) нашрия, нашр; **~я АН Таджи́кской ССР** нашриёҳои АФ РСС Тоҷикистон; **периоди́ческое ~е** нашри даврӣ; **популя́рное ~е** нашри [адабиёти] оммавӣ; **~е для дете́й** нашри адабиёти бачагона 3. нашр, чоп; **пя́тое ~е сочине́ний В. И. Ле́нина** нашри панҷуми асарҳои В. И. Ленин

изда́тель *м* ношир, нашркунанда, чопкунанда; **~ кни́ги — АН СССР** ноширн китоб — АФ СССР

изда́тельск||ий, -ая, -ое 1. ...и ношир, ...и нашр; ...и нашркунанда, ...и чопкунанда; **~ие организа́ции** ташкилотҳои нашрия; **~ие права́** ҳуқуқи нашр 2. ...и нашриёт, ...и нашри китоб; **~ая пра́ктика** таҷрибаи нашри китоб

изда́тельств||о *с* нашриёт; **~о худо́жественной литерату́ры** нашриёти адабиёти бадеӣ; **областны́е ~а** нашриётҳои вилоятӣ

изда́ть I *сов. что* 1. нашр (чоп, табъ) кардан, аз чоп баровардан; **~ но́вую кни́гу** китоби нав чоп кардан; **кни́га и́здана не́сколько лет тому́ наза́д** китоб як чанд сол пеш аз ин аз чоп баромадааст 2. баровардан, эълон кардан; **~ зако́н** қонун баровардан; **~ но́вое распоряже́ние** фармони нав баровардан

изда́ть II *сов. что* (*звук, запах*) кардан, додан, баровардан; **~ восклица́ние** нидо баровардан; **~ звук** садо додан

издева́тельский, -ая, -ое масхараомез, тамасхуромез, таҳқиромез, ботаҳқир: **~ тон** оҳанги таҳқиромез

издева́тельств||о *с* 1. (*по знач. гл.* **издева́ться**) писхандзанӣ, масхара кардан(и) 2. масхара, тамасхур, таҳқир, писханд; **мо́лча переноси́ть ~а** ба таҳқир хомушона тоб овардан

издева́ться *несов. над кем-чем* масхара (тамасхур, таҳқир, писханд) кардан; **~ над ке́м-л.** касеро масхара кардан

издёвк||а *ж разг.* масхара, тамасхур, таҳқир, писханд; **говори́ть с ~ой** бо писханд гап задан

изде́ли||е *с* 1. тайёркунӣ (*усули тайёр кардани маҳсулот*); **торт дома́шнего ~я** торти хонагӣ 2. маҳсулот, маснуот, мол; **куста́рные ~я** маснуоти косибӣ; **фабри́чные ~я** маҳсулоти фабрика; **~я лёгкой промы́шленности** молҳои саноати сабук

издёрганность *ж разг.* асабӣ (асабонӣ) будан(и)

издёрганный, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* кашида, кандашуда, тит кардашуда 2. *прил.* асабӣ, асабонӣ; **~ челове́к** одами асабонӣ

издёргать *сов. разг.* 1. *что* канда партофтан, тит карда партофтан 2. *кого-что* азоб додан, ба ҷон расондан, асабонӣ кардан; **~ не́рвы кому́-л.** касеро асабонӣ кардан

издёргаться *сов. разг.* асабӣ (асабонӣ) шудан; **~ от переутомле́ния** аз хастаҳолӣ асабонӣ шудан

издержа́ть *сов. что* сарф (харҷ, хароҷот) кардан; **~ все де́ньги** ҳамаи пулро сарф кардан

издержа́ться *сов. разг.* пули бисьёре сарф кардан, бепул мондан; **~ в доро́ге** дар роҳ бепул мондан

изде́рживать *несов. см.* **издержа́ть**

изде́рживаться *несов.* 1. *см.* **издержа́ться;** 2. *страд.* сарф (харҷ, хароҷот) карда шудан

изде́ржки *мн.* (*ед.* **изде́ржка** *ж*) хароҷот, харҷ, сарф; **суде́бные ~** хароҷоти суд; **сни́зить ~ произво́дства** харҷи истеҳсолотро кам кардан

издира́ть *несов. см.* **изодра́ть**

издира́ться *несов. см.* **изодраться**

издолби́||ть *сов. что разг.* сурох (шикоф) кардан, кофтан, кандан; **дя́тел ~л весь ство́л** эзорсурхак тамоми танаи дарахтро сурох кард

издо́льник, издо́льщик *м* чорьяккор

издо́льщина *ж* чорьяккорӣ

издо́х||нуть *сов.* 1. (*о животных*) мурдан, ҳаром мурдан; **коро́ва ~ла от бескóрмицы** гов аз гуруснагӣ мурд 2. *груб. прост.* (*о человеке*) ҳаром мурдан

издре́вле *нареч. книжн.* аз қадим

боз, аз замонҳои қадим; аз азал, аз рӯзи азал; **здесь ~ была́ доро́га** дар ин ҷо аз қадим боз роҳ буд

издроби́ть *сов. что* майда (пора, реза) кардан; ~ **у́голь** ангиштро майда кардан

издро́гнуть *сов. разг.* хунук (сармо) хӯрдан, аз хунукӣ шах шудан; ~ **на ветру́** дар шамол хунук хурдан

издыря́ви||ть *сов. что разг.* сурох (шикоф) кардан, дарронидан, лахт-лахт даррондан; **он ~л но́вый плащ** у плащи навро дарронд

издыря́виться *сов. разг.* сурох (шикоф) шудан

издыря́вливать *несов. см.* **издыря́вить**

издыря́вливаться *несов.* 1. *см.* **издыря́виться**; 2. *страд.* сурох карда шудан, лахт-лахт дарронда шудан

издыха́ни||е *с:* **до после́днего ~я** то нафаси охирин, то дами вопасин; **при после́днем ~и** дар ҳолати ҷонканӣ, дар ҳолати назъ

издыха́ть *несов. см.* **издо́хнуть**

изжа́ли||ть *сов. кого-что* газидан, неш задан; **меня́ ~ли пчёлы** маро занбӯрҳои асал газиданд

изжа́рить *сов. что* бирьён кардан; ~ **мя́со** гуштро бирьён кардан

изжа́риться *сов.* 1. бирьён шудан 2. *прост.* сахт гарм шудан, сухтан; ~ **на со́лнце** дар офтоб сӯхтан

изжёванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хоидашуда 2. *прил. прост.* ғиҷимшуда; **~ое пла́тье** куртаи ғиҷимшуда 3. *прил. перен. прост.* аздаҳонмонда, забонзадшуда, забонзад; **~ая те́ма** мавзуи забонзадшуда

изжева́ть *сов. что* хоидан, хоида вайрон кардан, хоида партофтан

изжёвывать *несов. см.* **изжева́ть**

изжёвываться *несов. страд.* хоида шудан, хоида партофта шудан

и́зжелта- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «зардчатоб» «зардча»:* **и́зжелта-зелёный** зангори зардчатоб

изжелти́ть *сов. что разг.* зардранг кардан

изж||е́чь *сов. что разг.* 1. сузонда (сӯхта) сӯрох-сурох кардан; **~е́чь рукави́цы и́звестью** дастпушакро бо оҳак сузонда сӯрох-сурох кардан 2. сузондан, сухтан; **он ~ёг ру́ки, растáпливая печь** ӯ ба печка олав монда истода дастонашро сузонд 3. *(израсходовать)* сузонда (сухта) тамом кардан *(мас. ҳезумро)*; **~е́чь все дрова́** ҳезумро сӯзонда тамом кардан

изжёчься *сов. разг.* худро сузондан; ~ **крапи́вой** тани худро бо газна сузондан

изжива́ние *с (по знач. гл.* **изжи́ть** I) барҳамдиҳӣ, барҳам додан(и), бартараф кардан(и); ~ **недоста́тков** барҳам додани камбудиҳо

изжива́ть *несов. см.* **изжи́ть**

изжива́ться *несов.* 1. *см.* **изжи́ться**; 2. *страд.* барҳам дода шудан, нест карда шудан

изжига́ть *несов. см.* **изжéчь**

изжига́ться *несов.* 1. *см.* **изжéчься**; 2. *страд.* сузонда сурох-сурох карда шудан

изжи́тие *с книжн. см.* **изжива́ние**

изжи́ть *сов. что* 1. барҳам додан, бартараф кардан, нест (нобуд) кардан, аз байн бардоштан; ~ **недоста́тки** камбудиҳоро бартараф кардан 2. *уст. в сочет. со сл. «жизнь», «век», «дни» и т. п.* умр дидан 3. *уст. (пережить, перенести)* аз сар гузаронидан ◇ ~ **себя́** нодаркор шудан

изжо́г||а *ж* зардаҷуш, сузиши меъда; **му́читься от ~и** зардаҷуш шуда азоб кашидан

из-за *предлог с род.* 1. *(указывает на предмет, лицо, со стороны которых направлено действие)* аз, аз паси..., аз пушти...; аз сари..., аз он тарафи...; ~ **поворо́та вы́скочила маши́на** аз хамгашти роҳ ногаҳон мошин баромад; **он вы́тащил ~ по́яса свёрток** у аз миёнбандаш тугунчае баровард; **он подня́лся ~ стола́ и пошёл нам навстре́чу** у аз сари миз хеста ба пешвози мо омад 2. *(указывает повод действия)* барои, аз барои, баҳри; **они́ спо́рили ~ ка́ждой мéлочи** онҳо аз барои ҳар майда-чуйда баҳс мекарданд 3. *(указывает причину действия)* аз, аз (ба) сабаби ..., дар натиҷаи...; **он ничего́ не замеча́л ~ близору́кости** у ба сабаби хирагии чашмаш чизеро фарқ намекард; **я́блоии поги́бли ~ моро́зов** дарахтони себ аз хунукӣ нобуд шуданд 4. *разг. (указывает цель действия)* барои, ба хотири..., баҳри...; **он забы́л ~ чего́ пришёл** у фаромӯш кард, ки барои чӣ омада буд

и́ззелена- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «зангортоб», «сабзтоб»:* **и́ззелена-чёрный** сиёҳи зангортоб

и́ззелена-си́ний, -яя, -ее кабуди сабзтоб

и́ззелена-чёрный, -ая, -ое сиёҳи зангортоб

иззу́бривать *несов. см.* **иззубри́ть**

иззу́бриваться *несов.* 1. *см.* **иззубри́ться**; 2. *страд.* дандонадор карда шудан, арра-арра карда шудан

иззубри́ть *сов. что разг.* дандонадор кардан, арра-арра кардан; ~ **косу́** дами досро арра-арра кардан

иззубри́||ться *сов. разг.* дандонадор шудан, арра-арра шудан; **но́жик ~лся** кордча арра-арра шудааст

иззя́бнуть(ся) *сов. разг.* сахт хунук хурдан, аз хунукӣ шах шудан

излáвливать *несов. см.* **излови́ть**

излага́ть *несов. см.* **изложи́ть**

излага́ться *несов. страд.* баён (ифода, изҳор, нақл) карда шудан

изла́зить *сов. что разг.* кофтуков кардан, кофта баромадан, тит кардан; ~ **весь дом в по́исках кни́ги** дар ҷустуҷуи китоб тамоми хонаро кофта баромадан

изла́мывать *несов. см.* **излома́ть**

изла́мываться *несов.* 1. *см.* **излома́ться**; 2. *страд.* шикаста шудан, пора карда шудан; вайрон карда шудан

изла́ять *сов. кого-что груб. прост.* ҳақоратборон кардан, сахт дашном додан

излéниваться *несов. см.* **излени́ться**

излени́||ться *сов. разг.* танбал (ланванд) шудан; **ма́льчик совсе́м ~лся** бача тамоман танбал шудааст

излёт *м* нузули парвоз, нузул; **пу́ля на ~е** нузули парвози тир

излета́||ть *сов. что разг.* 1. парвоз карда баромадан; **он ~л весь Се́вер** у сар то сари Шимолро парвоз карда баромадааст 2. ҳангоми парвоз сарф (тамом) кардан; **~ть всё горю́чее** ҳангоми парвоз тамоми сузишвориро сарф кардан

излече́ни||е *с* 1. муолиҷа, табобат; **находи́ться на ~и в кли́нике** барои муолиҷа дар клиника хобидан 2. шифоёбӣ, сиҳатшавӣ, сиҳат ёфтан(и), сиҳат шудан(и); **его́ ~ю спосо́бствовали ва́нны** ба сиҳат шудани у ванна сабаб шуд

излéчивать *несов. см.* **излечи́ть**

излéчива||ться *несов.* 1. *см.* **излечи́ться**; 2. шифо ёфтан; **э́та боле́знь бы́стро ~ется** ин дард тез шифо меёбад 3. *страд.* муолиҷа (табобат, даво) карда шудан, шифо дода шудан

излечи́м||ый, -ая, -ое (излечи́м, -а, -о) сиҳатшаванда, шифоёбанда, давошаванда; **~ая боле́знь** касалии шифоёбанда

излечи́ть *сов. кого-что книжн.* 1. муолиҷа (табобат, даво) кардан, шифо додан; ~ **ра́ну** ҷароҳатро даво кардан 2. *от чего перен.* халос (озод) кардан, раҳонидан; ~ **от ле́ни** аз танбалӣ халос кардан

излечи́||ться *сов. книжн.* 1. сиҳат шудан, шифо ёфтан; **он ~лся в санато́рии** у дар шифохона сиҳат шуд 2. *от чего перен.* халос (озод) шудан; **~ться от дурно́й привы́чки** аз одати бад халос шудан, одати бадро тарк кардан

излива́||ть *несов.* 1. *см.* **изли́ть**; 2. *что перен. книжн. (звуки)* садо (овоз) баровардан, садо додан; *(запах)* бӯй доштан (баровардан), муаттар кардан; *(свет)* нур пошидан (афкандан); **ро́за ~ла не́жный арома́т** аз садбарг буи латиф меомад

излива́||ться *несов.* 1. *см.* **изли́ться**; 2. *перен. книжн. (о звуках)* паҳн шудан, ба гуш расидан, фаро гирифтан; *(о запахе)* баромадан; *(о свете)* партав андохтан, пошида шудан, пош хурдан; **го́лос скри́пки ~лся в ночно́й тиши́не** овози скрипка дар сукунати шаб танинандоз буд 3. *страд.* рехта шудан; изҳор (баён) карда шудан

изли́ть *сов. что книжн.* 1. *уст.* рехтан, андохтан; ~ **слёзы** ашк рехтан 2. *перен.* изҳор (баён) кардан; ~ **зло́бу** хашмро ошкоро баён кардан ◇ ~ **ду́шу** *кому* дил холӣ кардан, рози дил гуфтан

изли́||ться *сов. книжн.* 1. *уст.* рехтан, ҷорӣ шудан, шоридан; **во́ды ~лись мо́щным пото́ком** об селвор ҷорӣ шуд 2. *перен.* фуру рехтан; **весь её гнев ~лся на окружа́ющих** тамоми хашму ғазаби у ба сари атрофиён фуру

рехт 3. *в чём и без доп. перен. (выразиться — о чувствах)* ифода ёфтан, зоҳир шудан; **её го́ре ~ло́сь в пото́ке слёз** ғаму андуҳи у бо сели ашк ифода шуд 4. *перен.* дил холӣ кардан; **~ться пе́ред друзья́ми** ба рафиқони худ дил холӣ кардан

изли́ш||ек *м* 1. зиёдатӣ, изофа, барзиёд; **~ки сырья́** қисми зиёдатии моли хом; **прода́жа ~ов хле́ба госуда́рству** ба давлат фурӯхтани ғаллаи барзиёд 2. зиёдӣ, бисёрӣ, фаровонӣ; **~ек вла́ги** зиёдии намнокӣ; **~ек тепла́** баландии гармӣ 3. *уст. (достаток)* фаровонӣ, серию пурӣ ◇ **с ~ком** басу барзиёдӣ

изли́шест||во *с* 1. исрофкорӣ, ифроткорӣ; **не допуска́ть ~в** ба исрофкорӣ роҳ надодан 2. *уст. (избыток)* барзиёд, зиёдатӣ, фаровонӣ

изли́шествовать *несов. книжн.* исрофкорӣ (ифроткорӣ) кардан

изли́шн||ий, -яя, -ее (изли́ш|ен, -ня, -не) 1. *(чрезмерный)* барзиёд, зиёдатӣ, аз ҳад зиёд, зиёдӣ; **~ие тре́бования** талаботи аз ҳад зиёд 2. *(напрасный)* бекора, нодаркор, беҳуда; **~ие хлопо́ты** ташвиши беҳуда ◇ **коммента́рии ~и** он чӣ ки аён аст, чӣ ҳоҷати баён аст

излия́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **изли́ться**) 1) резиш, ҷоришавӣ, шоридан(и), ҷорӣ шудан(и); **~е ла́вы** ҷоришавии лава 2. *чаще мн.* **излия́ния** *перен.* изҳор, ифода, розгуӣ, дилхоликунӣ; **дру́жеские ~я** розгуии дӯстона

излови́||ть *сов. кого-что разг.* 1. доштан, дастгир кардан, гирифтан, ба даст даровардан, даст гирифтан; **ма́льчики ~ли скворца́** бачагон сочро доштанд 2. *на чём перен.* фош (ошкор) кардан, доштан; **~ть на лжи** дурӯғро фош кардан

изло́вча́ться *несов. см.* **изловчи́ться**

изловчи́||ться *сов. с неопр. и без доп. разг.* 1. тавонистан, устогӣ, (чаққонӣ, чолокӣ) кардан; **футболи́ст ~лся и перехвати́л мяч** футболбоз чаққонӣ карда тубро гирифт 2. *перен. (ухитриться)* фиреб додан, фиребгарӣ кардан

изложе́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **изложи́ть**) баён (ифода, изҳор) кардан(и); **~е те́зисов докла́да** баён кардани тезисҳои маъруза 2. баёнот; **я́сность ~я** равшании баёнот 3. нақли хаттӣ, иншо; **писа́ть ~е** иншо навиштан

изло́жин||а *ж обл.* сой, пастхамӣ; **в ~е ещё лежи́т снег** дар пастхамӣ ҳануз барф хобидааст

изложи́ть *сов. что* баён (ифода, изҳор, нақл) кардан, гуфта додан; **~ свои́ тре́бования** талаботи худро баён кардан; **~ у́стно (пи́сьменно)** лафзӣ (хаттӣ) баён кардан; **~ основны́е мы́сли докла́да** фикрҳои асосии маърузаро гуфта додан

изло́жница *ж тех.* қолиби рехтагарӣ

изло́м *м* 1. *(по знач. гл.* **излома́ть** 1) шикастан(и), пора (реза) кардан(и), кафондан(и); *(по знач. гл.* **излома́ться** 1) майдашавӣ, пора-порашавӣ, реза-резашавӣ; **испыта́ние на ~** маҳкамиро санҷидан 2. ҷои шикаста (резашуда); **ка́мень в ~е был сероватым** ҷои шикастаи санг хокистартоб буд 3. шиканиш; **волокни́стый ~** шиканиши торшакл 4. каҷукилебӣ, каҷӣ, хамгашт; **~ы тропи́нки** хамгаштҳои пайраҳа 5. *перен.* дарду алам; **душе́вные ~ы** дарду алами дил

изло́маинность *ж* 1. каҷукилебӣ; **~ доро́ги** каҷукилебии роҳ 2. *перен.* вайронӣ; ғайритабиӣ будан(и)

изло́манн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* шикасташуда, кафондашуда 2. *прил.* каҷ, каҷу килеб, пурпеч, печутобдор; **~ое ру́сло го́рного ручья́** маҷрои пурпечи дарьёчаи кӯҳӣ 3. *прил. перен.* вайрон, вайроншуда; ғайритабиӣ, ғайриоддӣ 4. *прил. перен. (о языке)* вайрон; сохта, ғайритабиӣ

излома́||ть *сов.* 1. *что* шикастан, тамоман шикастан, шикаста пора (реза) кардан, кафондан; **~ть па́лку** чӯбдастро тамоман шикастан 2. *что* вайрон кардан, титу пора кардан, шикастан; **~ть ряды́ проти́вника** сафи душманро шикастан 3. *кого прост.* маъюб кардан; **каба́н ~л охо́тника** гуроз мерганро маъюб кард 4. *кого перен. разг.* азоб (озор) додан, ба ҷон расондан; **его́ ~ла лихора́дка** вараҷа уро ба ҷон расондааст 5. *кого что перен. разг.* бар бод додан, талх (вайрон) кардан; **~ть чью-л. жизнь** ҳаёти касеро бар бод додан

излома́||ться *сов.* 1. вайрон шудан, шикастан, майда (пора-пора, реза-реза) шудан; **велосипе́д ~лся** велосипед пора-пора шудааст 2. вайрон (пароканда) шудан; **коло́нна демонстра́нтов ~лась** колоннаи намоишчиен пароканда шуд 3. *перен. разг.* вайрон шудан

излупи́ть *сов. кого прост.* сахт задан, куфтан, лат (муштторӣ) кардан

излуча́тель *м* афкананда; **звуково́й ~** афканандаи овоз; **светово́й ~** афканандаи равшанӣ; **теплово́й ~** афканандаи ҳарорат

излуча||ть *несов. что* 1. паҳн кардан, додан, нур пошидан (афкандан), нурпошӣ кардан, шуоъ додан; **со́лнце ~ло паля́щие лучи́** офтоб нурҳои сузон мепошид 2. *перен.* ифода (изҳор) кардан, нишон додан; **её глаза́ ~ли ра́дость** чашмони у пур аз шодӣ буданд

излуча́ться *несов.* 1. паҳн (пошида) шудан 2. *страд.* паҳн карда шудан

излуче́ние *с (по знач. гл.* **излуча́ть**) паҳн кардан(и), додан(и), нурпошӣ, шуоъдиҳӣ; *(по знач. гл.* **излуча́ться** 1) афканишот; **~ тепла́** афканишоти гармӣ; **радиоакти́вное ~** афканишоти радиоактив

излу́чин||а *ж* 1. каҷӣ, хамгашт, печ, ҳалқа; **~а реки́** хамгашти дарьё 2. *чаще мн.* **излу́чины** *перен.* нозукӣ, нуктадорӣ; **~ы души́** торҳои (нозукиҳои) дил

излу́чист||ый, -ая, -ое печ дар печ, печутобдор, ҳалқапеч, каҷу килеб, печутобхурда; **~ые берега́** соҳилҳои каҷу килеб

излучи́ть *сов. см.* **излучать**

излучи́ться *сов. см.* **излучаться** 1

излюби́ть *сов. кого-что уст.* писанд дидан, писанд (хуш) омадан, дуст доштан, нағз дидан

излю́бленн||ый, -ая, -ое *прич., прил.* писандида, дилписанд, дӯстдошта; **за́городное о́зеро — ~ое ме́сто о́тдыха горожа́н** кули беруни шаҳр ҷои писандидаи истироҳати шаҳриён аст

изма́зать *сов.* 1. *кого-что* олудан, олондан, олуда (чиркин, ифлос) кардан; **~ ру́ки гли́ной** дастро лой кардан 2. *что* молида сарф (адо, тамом) кардан; **~ весь вазели́н** ҳамаи вазелинро молида тамом кардан

изма́заться *сов.* 1. олуда (чиркин, ифлос) шудан; **~ в кра́ске** ранголуд шудан 2. *(истратиться — о краске и т.п.)* бо молидан сарф (адо, тамом) шудан

изма́зывать *несов. см.* **изма́зать**

изма́зываться *несов.* 1. *см.* **изма́заться**; 2. *страд.* олонда шудан, чиркин (ифлос) карда шудан

измалева́ть *сов. что прост. (изрисовать)* чаттӣ кардан

измалёвывать *несов. см.* **измалева́ть**

измалёвываться *несов. страд.* чаттӣ карда шудан

изма́лывать *несов. см.* **измоло́ть**

изма́лываться *несов.* 1. *см.* **измоло́ться**; 2. *страд.* куфта шудан, орд (майда) карда шудан

измара́ть *сов. прост.* 1. *кого-что* олондан, олуда (чиркин, ифлос) кардан 2. *что* навишта сиёҳ (ифлос) кардан; **~ всю кни́гу помётками** тамоми китобро бо қайду аломатҳо сиёҳ кардан

измара́ться *сов. прост.* олуда (чиркин, ифлос) шудан, худро олондан; **~ в земле́** худро хоколуд кардан

изма́сливать *несов. см.* **изма́слить**

изма́сливаться *несов.* 1. *см.* **измаслиться**; 2. *страд.* равғанолуд карда шудан

изма́слить *сов. что разг.* равғанолуд кардан, бо равған ифлос (чиркин) кардан; **~ па́льцы таво́том** ангуштҳоро бо равғани машин олуда кардан

изма́сли||ться *сов. разг.* равғанолуд шудан, бо равған ифлос (чиркин) шудан; **спецо́вка си́льно ~лась** либоси корӣ хеле равғанолуд шудааст

изма́тывание *с (по знач. гл.* **измота́ть**) аз ҳад зиёд (ниҳоят) монда (шалпар) кардан(и), аз ҳол равондан(и); *(по знач. гл.* **измота́ться**) аз ҳад зиёд (ниҳоят) монда (шалпар) шудан(и), аз ҳол рафтан(и); **~ не́рвов** ниҳоят монда кардани асабҳо; **~ проти́вника** аз ҳол равондани душман

изма́тывать *несов. см.* **измота́ть**

изма́тываться *несов.* 1. *см.* **измота́ться**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд монда (шалпар) карда шудан

изма́чивать *несов. см.* **измочи́ть**

изма́чиваться *несов.* 1. *см.* **измочи́ться**; 2. *страд.* тар карда шудан

измая||ть *сов. кого прост. и обл.* ниҳоят (тамоман) бемадор (беҳол) кардан; **его́ ~ла боле́знь** бемори уро тамоман бемадор кардааст

измаяться *сов. прост. и обл.* ниҳоят бемадор (монда, шалпар) шудан; ~ **в дороге** дар роҳ ниҳоят монда шудан

измельчание *с (по знач. гл.* **измельчать** I) хурдшавӣ, майдашавӣ; камобшавӣ; ~ **плодов** хурдшавии мева-ҳо; ~ **рекй** камобшавии дарьё; **нравственное** ~ пастфитрат шудан(и)

измельча||ть I *сов.* 1. хурд (майда) шудан; **скот** ~л чорво хурд шудааст 2. камоб шудан, паст шудан; **пруд** ~л ҳавз паст шуд 3. *перен.* пастмазмун шудан; **его произведения** ~ли асарҳои у пастмазмун шудаанд

измельчать II *несов. см.* **измельчить**

измельчаться *несов.* 1. *см.* **измельчиться;** 2. *страд.* майда (майда-майда, реза-реза) карда шудан

измельчение *с (по знач. гл.* **измельчить)** майда (майда-майда, реза-реза, гард-гард) кардан(и); ~ **древесины** майда-майда кардани чуб

измельчить *сов. что* майда (майда-майда, реза-реза, гард-гард) кардан; ~ **уголь** ангиштро майда кардан

измельчи||ться *сов.* майда (реза-реза, гард-гард) шудан; маҳин шудан; **мука при вторичном помоле** ~лась орд баъди дуюмин бор кашидан маҳин шуд

измена *ж* 1. хиёнат, хоинӣ; ~ **родине** хиёнат ба ватан 2. бевафоӣ, аҳдшиканӣ, бевафоӣ кардан(и); ~ **обещанию** азқавлгардӣ 3. бевафоӣ, бевафоӣ кардан(и); **супружеская** ~ бевафоии зан (шавҳар)

изменени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **изменить** I) тағьир, тағьирдиҳӣ, дигар (дигаргун) кардан(и); *(по знач. гл.* **измениться)** тағьир ёфтан(и), дигар (дигаргун) шудан(и); ~е **расписания лекций** тағьири ҷадвали маърӯза; ~е **направления ветра** тағьири самти шамол 2. тағьирот, табаддулот, дигаргунӣ; **внесение** ~й **в Конституцию СССР** даровардани тағьирот ба Конституцияи СССР; **внести** ~я **в проект** ба лоиҳа дигаргунӣ даровардан; **несущественные** ~я тағьироти ҷузъӣ

изменить I *сов. что* тағьир (табдил) додан, дигар (дигаргун) кардан, дигаргунӣ (тағьирот) даровардан; ~ **конструкцию станка** сохти дастгоҳро дигар кардан

измени||ть II *сов.* 1. *кому-чему* хиёнат (хоинӣ) кардан; ~ть **родине** ба ватан хиёнат кардан 2. *чему* бевафоӣ (хиёнат) кардан; ~ть **воинскому долгу** ба вазифадории харбӣ хиёнат кардан 3. *кому* бевафоӣ кардан 4. *кому перен.* аз қувват мондан, суст шудан; **силы ей** ~ли у аз қувват мондааст ◇ ~ть **привычке** тарки одат кардан; ~ть [**самому**] **себе** бар хилофи одат рафтор кардан, тарки одат кардан

измени||ться *сов.* тағьир ёфтан, дигар (дигаргун) шудан, иваз (табдил) ёфтан; ислоҳ гардидан; **погода** ~лась ҳаво дигар шуд; **он** ~лся **к лучшему** у беҳтар шуд; **их отношения** ~лись муносибати онҳо тағьир ёфтааст ◇ **он** ~лся **в лице** қиёфааш дигар шуд

изменник *м* 1. хоин, хиёнатгар, хиёнаткор, ғаддор 2. *уст. разг. (в любви, дружбе)* бевафо

изменница *женск.* **изменник**

изменнический, -ая, -ое хоинона, хиёнаткорона, хиёнатгарона, ғаддорона; ~ **поступок** рафтори хоинона

изменничество *с* хоинӣ, хиёнат, хиёнатгарӣ, хиёнаткорӣ, ғаддорӣ; **совершить** ~ хиёнаткорӣ кардан

изменчивость *ж* 1. тағьирьёбандагӣ, бадалшавандагӣ, ноустуворӣ; ~ **погоды** тағьирьёбандагии обу ҳаво 2. *биол.* тағьирпазирӣ

изменчив||ый, -ая, -ое (изменчив, -а, -о) тағьирьёбанда, табдильёбанда; ноустувор, нопойдор; ~ая **погода** обу ҳавои табдильёбанда; ~ый **характер** хулқу одоби ноустувор

изменщик *м. уст. и прост. см.* **изменник**

изменщица *ж уст. и прост. см.* **изменница**

изменяемость *ж* тағьирьёбӣ, тағьирьёбандагӣ, тағьир ёфтан(и); ~ **слова** тағьирьёбии сухан

изменяем||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тағьирьёбанда, дигаргуншаванда, табдилшаванда 2. *прил.* тағьирьёбанда; ~ые **части речи** ҳиссаҳои тағьирьёбандаи нутқ

изменять I, II *несов. см.* **изменить** I, II

изменяться *несов.* 1. *см.* **измениться;** 2. *страд.* тағьир дода шудан, дигар карда шудан

измерени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **измерить** 1) андоза (чен) кардан(и), санҷиш, санҷидан(и); ~е **кровяного давления** санҷиши фишори хун; ~е **ширины** андоза (чен) кардани бар 2. *мат.* андоза, ченак, ӯлчак; **куб имеет три** ~я куб се андоза дорад

измеримость *ж* қобили андоза (чен) будан(и), андоза (чен) кардашавандагӣ; ~ **нагрева** қобили андоза будан(и) ҳарорат

измерим||ый, -ая, -ое (измерим, -а, -о) қобили андоза (чен), андоза (чен, улчак) кардашаванда; ~ые **величины** бузургиҳои қобили андоза

измерител||ь *м* 1. ченкунак; ~ь **прочности** ченкунаки мустаҳкамӣ 2. нишондиҳанда; **качественные** ~и нишондиҳандаҳои сифат

измерительн||ый, -ая, -ое ...и андоза, ...и андозагирӣ, ...и ченкунӣ; ~ый **инструмент** асбоби ченкунӣ; ~ая **лента** лентаи андоза

измерить *сов. что* 1. андоза (чен, улчак, таноб) кардан, санҷидан; ~ **величину** бузургиро андоза кардан; ~ **температуру больному** ҳарорати беморро санҷидан 2. *перен.* тасаввур кардан; ~ **глубину чувства** самимияти ҳисро тасаввур кардан ◇ ~ **взглядом** (**взором**) синча кардан

измерять *несов. см.* **измерить**

измеря||ться *несов.* 1. андозаи муайян доштан; **высота перевала** ~ется **в 1500 метров** баландии ағба 1500 метр мебошад 2. *страд.* андоза карда шудан, санҷида шудан

изможденне *с* харобшавӣ, лоғаршавӣ, афсурдагӣ, пажмурдагӣ

измождённость *ж* харобӣ, лоғарӣ, афсурдагӣ, пажмурдагӣ

измождённый, -ая, -ое (изможд|ён, -ена, -ено) хароб, лоғар, афсурда, пажмурда, коҳида; ~ **вид** қиёфаи афсурда

измокать *несов. см.* **измокнуть**

измок||нуть *сов. разг.* сахт (тамоман) тар шудан, шип-шилта шудан; **сено** ~ло **под дождём** хасбеда дар зери борон тамоман тар шуд; **я весь измок, пока шёл** ман дар роҳ шип-шилта шудам

измолоть *сов. что* куфтан, орд (майда, ярма) кардан; ~ **перец** қаламфурро куфтан

измоло||ться *сов.* орд (майда, ярма) шудан; **пшеница** ~лась гандум орд шуд

измор *м:* **брать (взять)** ~ом 1) гуруснаву ташна мононда таслим кунондан; **взять крепость** ~ом гуруснаву ташна мононда қалъаро забт кардан 2) *перен.* бо шилқинӣ ба мақсад расидан; **он берёт** ~ом у бо шилқинӣ ба мақсадаш мерасад

изморить *сов. кого прост.* 1. гурусна мононда азоб додан 2. азоб (азият) додан, ба ҷон расонидан, сахт шалпар (монда) кардан; ~ **непосильной работой** бо кори миёншикан ба ҷон расонидан

измориться *сов. прост.* сахт шалпар (монда) шудан, аз ҳол рафтан

изморозь *ж (иней)* қирав, яхча; **деревья покрыты** ~ю дарахтон қирав бастаанд

изморось *ж (мелкий дождь)* нам-реза, борони майда, борони сим-сим

измота||ть *сов. кого-что разг.* аз ҳад зиёд (ниҳоят) монда (шалпар, беҳолу бемадор) кардан, аз ҳол равондан; **многодневные бои** ~ли **противника** ҷангҳои чандинрӯза душманро аз ҳол равонда буд

измота||ться *сов. разг.* аз ҳад зиёд (ниҳоят) монда (шалпар, беҳолу бемадор) шудан, аз ҳол рафтан; **я совсем** ~лся ман тамоман монда шудаам

измочаленный, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* тор-тор (ғоз-ғоз) кардашуда, титу пит кардашуда 2. *прил. (крайне утомлённый)* бағоят монда, шалпар, бемадор

измочаливать *несов. см.* **измочалить**

измочаливаться *несов.* 1. *см.* **измочалиться;** 2. *страд.* тор-тор (ғоз-ғоз) карда шудан, титу пит карда шудан

измочалить *сов. разг.* 1. *что* тор-тор (ғоз-ғоз) кардан, титу пит кардан 2. *кого перен.* бағоят монда (шалпар, бемадор, бедармон) кардан

измочали||ться *сов. разг.* 1. тор-тор (ғоз-ғоз) шудан, титу пит шудан; **циновка** ~лась бурьё титу пит шудааст 2. *перен.* бағоят монда (шалпар, бемадор, бедармон) шудан

измочи́ть *сов. кого-что разг.* шип-шилта кардан; ~ **ту́фли** пойафзолро шип-шилта кардан

измочи́ться *сов. разг.* тар шудан; ~ **в доро́ге** дар роҳ тар шудан

изму́сливать *несов. см.* **изму́слить**

изму́сливаться *несов.* 1. *см.* **изму́слиться**; 2. *страд.* бо оби даҳон тар (ифлос) карда шудан

изму́сли||ть *сов. кого-что прост.* бо оби даҳон тар (ифлос, чиркин, олуда) кардан, олондан; **де́ти** ~**ли ска́терть** бачаҳо дастурхонро бо оби даҳон чиркин карданд

изму́слиться *сов. прост.* бо оби даҳон тар (ифлос, чиркин, олуда) шудан

измусо́лить(ся) *сов. см.* **изму́слить(ся)**

изму́ченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* азобкашида, азобдида, шиканҷадида, азиятдида 2. *прил.* заиф, беқувват, монда, коркуфта; ~**ые ко́ни** аспҳои мондашуда; **у него́** ~**ый вид** у аз қиёфааш азоб кашидагӣ менамояд

изму́чивать *несов. см.* **изму́чить**

изму́чиваться *несов.* 1. *см.* **изму́читься**; 2. *страд.* сахт азоб (шиканҷа) дода шудан, бемадор карда шудан

изму́чить *сов. кого-что* 1. сахт азоб (шиканҷа, азият) додан; ~ **побо́ями** зада-зада азоб додан 2. азоб додан, пазмон кардан; ~ **ожида́нием** бо интизорӣ пазмон кардан 3. беқуввват (заиф) кардан; **он изму́чен до́лгой боле́знью** уро бемории дуру дароз аз ҳол равондааст

изму́чи||ться *сов.* сахт азоб (азият) кашидан, тоқат ток шудан; **она** ~**лась, ожида́я письма́** дар интизории мактуб тоқаташ ток шуд

измыва́тельск||ий, -ая, -ое *разг.* масхараомез, тамасхуромез, таҳқиромез; ~**ое отноше́ние** муносибати таҳқиромез

измыва́тельство *с разг.* 1. (*по знач. гл.* **измыва́ться**) масхара (тамасхур, таҳқир, хор) кардан(и) 2. масхара, тамасхур, таҳқир, писханд

измыва||ться *несов. над кем разг.* масхара (тамасхур, таҳқир хор) кардан; **бай** ~**лся над крестья́нами** бой деҳқононро таҳқир мекард

измы́ганн||ый, -ая, -ое *прост.* 1. *прич.* тамоман ифлос (чиркин) кардашуда, ба чирк ғутида 2. *прил.* ифлос, чиркин, олуда; ~**ая спецо́вка** либоси кории чиркин

измы́гать *сов. кого-что прост.* ифлос (чиркин, олуда) кардан, олондан; ~ **пол** фарши хонаро ифлос кардан

измы́гаться *сов. прост.* ифлос (чиркин, олуда) шудан

измы́ливать *несов. см.* **измы́лить**

измы́ливаться *несов.* 1. *см.* **измы́литься**; 2. *страд.* сарф карда шудан (*оид ба собун*)

измы́лить *сов. что разг.* то охир сарф кардан (*оид ба собун*)

измы́ли||ться *сов. разг.* то охир сарф шудан (*оид ба собун*); **мы́ло бы́стро** ~**лось** собун зуд сарф шуд

измы́слить *сов. см.* **измышля́ть**

измыта́рить *сов. кого прост.* азоб (азият, шиканҷа) додан

измыта́риться *сов. прост.* сахт монда (беҳол, шалпар, бемадор) шудан

измышле́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **измышля́ть**) бофтан(и), бофта баровардан(и); ~**е ло́жных обвине́ний** бофта баромадани айбҳои бардурӯғ 2. гапи бофта (сохта, бардурӯғ); **к чему́ э́ти** ~**я?** ин гапҳои сохта чӣ лозим?; **клеветни́ческие** ~**я** дурӯғҳои туҳматомез

измышля́ть *несов. что* фикр (хаёл) карда баровардан, бофтан; ихтироъ кардан; ~ **вся́кие небыли́цы** ҳар гуна сафсата бофтан

измышля́ться *несов. страд.* бофта шудан (*оид ба дурӯғ, туҳмат*)

измя́тый, -ая, -ое 1. *прич.* ғиҷим кардашуда 2. *прил.* ғиҷимшуда; ~ **костю́м** костюми ғиҷимшуда 3. *перен.* (*несвежий — о лице*) бетароват, пурчин, пурочинг

измя́ть *сов.* 1. *что* ғиҷим кардан; ~ **пла́тье** куртаро ғиҷим кардан 2. *что* (*покрыть вмятинами*) пачақ кардан 3. *что* маҷақ (ғиҷим, поймол) кардан; ~ **посе́вы** киштзорро поймол кардан 4. *кого перен.* вайрон (руҳафтода, паст) кардан, аз роҳ баровардан

измя||ться *сов.* ғиҷим шудан; **ве́щи в чемода́не** ~**лись** чизҳо дар ҷомадон ғиҷим шудаанд

изна́нк||а *ж* 1. таг, пушт; ~**а тка́ни** таги матоъ 2. *перен.* ҷиҳати пинҳонӣ (ниҳонӣ), тарафи пинҳонӣ, таги гап; ~**а жи́зни** ҷиҳати ниҳонии ҳаёт ◇ **с** ~**и** *в знач. нареч.* аз пушт, аз дарун

изнаси́лование *с* (*по знач. гл.* **изнаси́ловать**) ба номус таҷовуз кардан(и)

изнаси́ловать *сов.* 1. *кого* ба номус таҷовуз кардан, зури кардан 2. *кого-что* маҷбур (водор, зурӣ) кардан

изнача́ла *нареч. уст.* аз сар, аз аввал, аз азал, аз ибтидо; **так повело́сь** ~ аз аввал ҳамин тавр буд

изнача́льность *ж книжн.* азалият, аз азал мавҷуд будан(и); ~ **мате́рии** азалияти модда

изнача́льный, -ая, -ое *книжн.* қадимӣ, азалӣ, аз аввал, аз (ибтидо) мавҷуд; ~ **обы́чай** расму одати қадимӣ

изна́шиваемость *ж* кӯҳнашавандагӣ, фарсудашавандагӣ, хурдашавандагӣ; ~ **рези́ны** фарсудашавандагии резина

изна́шивание *с* (*по знач. гл.* **износи́ть**) кӯҳна (фарсуда) кардан(и); (*по знач. гл.* **износи́ться**) кӯҳнашавӣ, фарсудашавӣ; аз кор баромадан(и); ~ **о́буви** кӯҳна кардани пойафзол; ~ **дви́гателя** кӯҳна шудани муҳаррик

изна́шивать *несов. см.* **износи́ть**

изна́шиваться *несов.* 1. *см.* **износи́ться**; 2. *страд.* кӯҳна карда шудан

изне́женность *ж* эркагӣ, инҷиқӣ, нозпарвардагӣ

изне́женн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* эрка кардашуда, нозпарварда 2. *прил.* нозук, нозпарварда; ~**ые ру́ки** дастони нозук 3. *прил. перен. уст.* нозук, латиф(она), зариф(она), зукка; ~**ые мане́ры** рафтори зарифона

изне́живать *несов. см.* **изне́жить**

изне́живаться *несов.* 1. *см.* **изне́житься**; 2. *страд.* эрка (инҷиқ, нозук) карда шудан

изне́жить *сов. кого* эрка (инҷиқ, нозук, нозпарварда) кардан; ~ **воспита́нием** эрка тарбия кардан

изне́житься *сов.* эрка (инҷиқ, нозук, нозпарварда) шудан

изнемога́ть *несов. см.* **изнемо́чь**

изнеможе́ни||е *с* беҳолӣ, бемадорӣ, бедармонӣ; **дойти́ до по́лного** ~**я** тамоман беҳол шудан

изнеможённ||ый, -ая, -ое (изнемож|ён, -ена, -ено) аз ҳад зиёд беҳол(она), бемадор(она), коҳида; ~**ое лицо́** чеҳраи коҳида

изнемо́чь *сов.* аз ҳад зиёд беҳол (бемадор, монда) шудан; ~ **от ка́шля** аз сулфа бемадор шудан

изне́рвнича||ться *сов.* бағоят асабӣ (асабонӣ) шудан; **он** ~**лся в ожида́нии письма́** у дар интизории мактуб бағоят асабонӣ шуд

изничтожа́ть *несов. см.* **изничто́жить**

изничтожа́ться *несов.* 1. *см.* **изничто́житься**; 2. *страд.* нобуд (кир, маҳв) карда шудан

изничто́жить *сов. кого-что прост.* несту нобуд (кир, маҳв) кардан

изничто́житься *сов. прост.* несту нобуд (кир, маҳв) шудан

изнища́ть *сов.* гадо (бенаво, қашшоқ, фақир) шудан; **вконе́ц** ~ тамоман бенаво шудан

изно́жье *с уст. обл.* (*посте́ли*) тагпой, тарфи по

изно́с *м* 1. (*по знач. гл.* **износи́ться** 1) кӯҳнашавӣ, фарсудашавӣ; ~ **инвентаря́** кӯҳнашавии ҷиҳозот 2. аскорбароянадагӣ, кӯҳнашавандагӣ, фарсудашавандагӣ, дошткокӣ; **испыта́ние на** ~ санҷиши дошткокӣ ◇ **до** ~**у** (~**а**) то кӯҳнашавӣ; **не знать** ~**у** (~**а**) бисёр дошт додан; **рабо́тать на** ~ саломатии худро дареғ надошта кор кардан; **э́тим сапога́м нет** ~**у** (~**а**) ин муза бисёр дошт медиҳад

износи́ть *сов. что* кӯҳна (фарсуда) кардан, пушида даррондан; ~ **о́бувь** пойафзолро кӯҳна кардан; ~ **до ды́р** то порашавӣ пушидан

износи́||ться *сов.* 1. кӯҳна (фарсуда) шудан; аз кор баромадан; **пальто́** ~**лось** пальто кӯҳна шудааст; **обору́дование** ~**лось** таҷҳизот аз кор баромадааст 2. *перен. разг.* (*преждевре́менно соста́риться*) аз қувват мондан, пир (фартут) шудан

износосто́йкость *ж тех.* кӯҳнанашавандагӣ, фарсуданашавандагӣ

износоусто́йчивость *ж см.* **износосто́йкость**

изно́шенность *ж* кӯҳнагӣ, фарсудагӣ; ~ **о́буви** кӯҳнагии пойафзол; ~ **станка́** фарсудагии дастгоҳ

изно́шенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кӯҳнашуда, фарсудашуда 2. *прил.* кӯҳна, фарсуда, кӯҳнашуда; ~**ая о́бувь** пойафзоли кӯҳна; **замени́ть** ~**ые дета́ли**

детальҳои кӯҳнашударо иваз кардан

изнурéни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **изнурúть**) беқувват (заиф, монда, беҳол, бемадор) кардан(и) 2. беқувватӣ, заифӣ, беҳолӣ; **дойтú до крáйнего ~я** тамоман беҳол шудан

изнурённость *ж* беқувватӣ, заифӣ, бемадорӣ; ~ **пóсле болéзни** беқувватии баъди беморӣ

изнурённый, -ая, -ое 1. *прич.* монда (беҳол, бемадор) кардашуда 2. *прил.* беқувват, заиф, бемадор; лоғар, хароб; ~ **скот** моли хароб; ~ **вид** қиёфаи хастаҳолона

изнурúтельность *ж* хастакунандагӣ, беҳолкунандагӣ, бемадоркунандагӣ; ~ **однообрáзной рабóты** хастакунандагии кори якранг

изнурúтельн||ый, -ая, -ое (изнурúте|лен, -льна, -льно) хастакунанда, мондакунанда, беҳолкунанда, бемадоркунанда; **~ая поéздка** сафари мондакунанда; **~ая рабóта** кори хастакунанда

изнурúть *сов. кого-что* беқувват (заиф, монда, беҳол, бемадор) кардан

изнурúться *сов.* беқувват (заиф, монда, беҳол, бемадор) шудан

изнурять *несов. см.* **изнурúть**

изнуряться *несов.* 1. *см.* **изнурúться**; 2. *страд.* беқувват (заиф) карда шудан

изнутрú *нареч.* аз дарун, аз дохил; ~ **послы́шался стук** аз дарун овози тиқ-тиқ шунида шуд; **кóмиата запертá** ~ хона аз дарун маҳкам карда шудааст

изнывá||ть *несов.* азоб кашидан, беҳол (монда) шудан; **~ть от жáжды** аз ташнагӣ азоб кашидан; **он ~ет от скýки** у аз зиқӣ азоб мекашад

изо *предлог см.* **из**

изо- I *приставка префиксест, ки дар мавридҳои зерин ба ҷои «из-» кор фармуда мешавад:* 1) *пеш аз «й»* — **изойтú** суст шудан, беҳол шудан 2) *пеш аз ду ва ё аз он зиёд ҳамсадоҳо* — **изорвáть** пора (пора-пора) кардан, даррондан 3) *пеш аз ҳамсадое, ки баъд аз он «ь» меояд* — **изобьёт** мезанад; *см. тж.* **из-**

изо- II *қисми аввали калимаи мураккаб ба маънои «баробар», «яккхела», «монанд»:* **изобáра** изобара

изобáра *ж* изобара (1. *геофиз. хатти харита, ки нуқтаҳои фишори якхелаи ҳаворо пайваст мекунад* 2. *физ. хатте, ки вобастагии бузургиҳои физикиро дар шароити фишори доимӣ нишон медиҳад*)

изобáта *ж геогр.* изобата (*хатти харита, ки ҷои баҳрҳои чуқуриашон якхеларо пайваст мекунад*)

изобúдеть *сов. кого прост.* сахт ранҷондан, хафа кардан, озор додан, озурдан

изобúдеться *сов. прост.* сахт ранҷидан, хафа шудан, озор ёфтан, озурда шудан

изобúли||е *с* 1. фаровонӣ, бисьёрӣ, зиёдӣ; **здесь в ~и вóдятся куропáтки** дар ин ҷо кабк бисьёр аст 2. фаровонӣ, серию пурӣ; **жить в ~и** серу пур зистан ◇ **как из рóга ~я** фаровон, аз ҳад зиёд

изобúл||овать *несов. кем-чем* фаровон (бисьёр, мул) будан; **лесá ~уют орéхами** дар бешаҳо дарахтони чормағз бисьёранд

изобúльн||ый, -ая, -ое (изобú|лен, -льна, -льно) 1. *уст.* фаровон, бисьёр 2. *кем-чем и без доп.* фаровон, бисьёр, сер-; **веснá, ~ая осáдками** баҳори сербориш; **~ые нúвы** киштзори серҳосил

изобличать *несов.* 1. *см.* **изобличúть**; 2. *кого-что* (*показывать*) нишон додан, маълум кардан

изобличáться *несов. страд.* фош (ошкор) карда шудан

изобличéние *с* (*по знач. гл.* **изобличúть**) фош (ошкор) кардан(и), исбот; ~ **во лжи** исбот кардани дурӯғ

изобличúтел||ь *м* фошкунанда, ошкоркунанда, кушоянда; **выступáть в рóли ~я** ҳамчун фошкунанда баромад кардан

изобличúтельница *женск. к* **изобличúтель**

изобличúтельн||ый, -ая, -ое фошкунанда, ошкоркунанда, исботкунанда; **~ое письмó** мактуби фошкунанда

изобличú||ть *сов. кого* фош (ошкор) кардан, кушодан, исбот кардан; **~ть когó-л. в преступлéнии** ҷинояти касеро фош кардан; **егó ~ли во лжи** дурӯғгуии уро исбот карданд

изобража||ть *несов.* 1. *см.* **изобразúть**; 2. *кого-что* тасвир (ифода) кардан, нишон додан; **картúна ~ет закáт сóлнца** расм ғуруби офтобро тасвир мекунад 3. *кого-что обычно со словом «собою»* сурати (шакли, намуди) касеро, чизеро ба худ гирифтан, ...барин будан (шудан); **пóсле дождя ручéй ~л собóй бурлящую рéку** баъд аз борон ҷуйбор дарьёи пурталотумро мемонд 4. *кого обычно со словом «из себя» разг.* худро... шуморидан (тарошидан, нишон додан); **~ть из себя специалúста** худро мутахассис тарошидан

изображáться *несов.* 1. *см.* **изобразúться**; 2. *страд.* тасвир (ифода) карда шудан

изображéние *с* 1. (*по знач. гл.* **изобразúть**) тасвир, тасвир кардан(и), акс кунонидан(и); ~ **действúтельности** тасвири воқеият 2. тасвир, сурат, намуд, расм; ~ **гор на кáрте** тасвири кӯҳсор дар харита; **монéта с ~м гербá** тангаи гербдор; **скульптýрное ~** ҳайкал 3. мунъакис, акс, соя; ~ **в зéркале** акс дар оина

изобразúтельность *ж* тасвирнокӣ, хушнамудӣ, образнокӣ, суратзеб будан(и); ~ **рéчи** тасвирнокии нутқ

изобразúтельн||ый, -ая, -ое тасвирӣ, тасвиркунанда; **~ые срéдства** воситаҳои тасвир ◇ **~ые искýсства** санъатҳои тасвирӣ (рассомӣ, графика, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ)

изобразú||ть *сов.* 1. *кого-что* тасвир кардан, акс кунондан, кашидан; **~ть на картúне степь** дар расм саҳроро тасвир кардан 2. *что* тасвир (нақл, ҳикоят) кардан; **он ~л мне своё положéние** у ба ман аҳволи худро ҳикоят кард 3. *кого-что* иҷро кардан, бозидан, бозӣ кардан, нишон додан; **~ть на сцéне** дар саҳна нишон додан 4. *кого-что* тақлид кардан; **он удáчно ~л своегó приятеля** ӯ рафтори рафиқашро нағз тақлид кард 5. *что уст.* зоҳир (намоён) кардан, нишон додан; **егó лицó ~ло испýг** дар қиёфаи ӯ тарс зоҳир буд

изобразú||ться *сов.* зоҳир (намоён, пайдо) шудан; **на егó лицé ~лось недоумéние** дар чеҳраи у аломати ҳайронӣ зоҳир шуд

изобр||ести́ *сов. что* 1. ихтироъ кардан, сохтан; **~ести́ нóвую машúну** мошини навро ихтироъ кардан (баровардан) 2. *разг.* бофта баровардан, баҳона ёфтан; **он ~ёл какýю-то небылúцу** у як чизи бардурӯғро бофта баровард

изобретатель *м* ихтироъкор, ихтироъкунанда, мухтареъ; **извéстный ~** ихтироъкори машҳур

изобретáтельница *женск. к* **изобретáтель**

изобретáтельность *ж* устокорӣ, ботадбирӣ, зиракӣ, маҳорат; **проявúть ~** маҳорат нишон додан; **он отличáется ~ю** у одами ботадбир аст

изобретáтельн||ый, -ая, -ое (изобретáте|лен, -льна, -льно) устокор, маҳоратнок, ботадбир, зирак; **~ый ум** ақли расо; **быть ~ым** маҳоратнок будан

изобретáтельск||ий, -ая, -ое ...и ихтироъкор, ...и ихтироъкунанда, ...и ихтироъкорӣ; **~ий талáнт** истеъдоди ихтироъкорӣ; **~ое прáво** ҳуқуқи ихтироъкорӣ

изобретáтельство *с* ихтироъкунандагӣ, ихтироъкорӣ; **занимáться ~м** ихтироъкорӣ кардан, машғули ихтироъкорӣ шудан

изобретáть *несов. см.* **изобрести́**

изобретáться *несов. страд.* ихтироъ карда шудан, сохта шудан

изобретéни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **изобрести́**) ихтироъ кардан(и); **~е нóвого двúгателя** ихтироъ кардани муҳаррики нав 2. ихтироъ; **многочúсленные ~я в óбласти хúмии** ихтирооти сершумори соҳаи химия; **внедрéние ~й в произвóдство** дар истеҳсолот ҷорӣ кардани ихтироот 3. *разг.* ҳазл, шухӣ, бозӣ, мутоиба; **он мáстер на всякие ~я** ӯ ба ҳазлу шухӣ устухон надорад

изоврá||ться *сов. прост.* дурӯғгуи гузаро шудан, чилдурӯғ шудан; **он совсéм ~лся** у дурӯғгуи гузаро шудааст

изоглóсса *ж лингв.* изоглосса (*хатте, ки дар харитаи лаҳҷашиносӣ ҳудуди паҳн шудани хусусиятҳои ҷудогонаи забониро нишон медиҳад*)

изóгнутость *ж* каҷӣ, хамӣ; ~ **вéтви** каҷии шохи дарахт

изóгнут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* каҷ

кардашуда 2. *прил.* каҷ, хам; ~**ая линия** хатти каҷ; ~**ые берега залива** соҳилҳои пурхаму печи халиҷ

изогнуть(ся) *сов. см.* **изгибать(ся)**

изограф *м уст. книжн. (живописец)* изограф, рассом, сураткаш, суратгир; *(иконописец)* иконакаш

изография *ж* 1. изография *(нусхабардорӣ аз хат, дастнавис ва м. ин)* 2. *уст. книжн. (иконопись)* иконакашӣ

изодранн||ый, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* даррондашуда, тикка-тикка (пора-пора) кардашуда 2. *прил.* дарида, даридагӣ, лах-лах; ~**ые книги** китобҳои даридагӣ; ~**ое пальто** пальтои лах-лах

изодра||ть *сов. разг.* 1. *что* даррондан, тикка-тикка (лах-лах, пора-пора) кардан; ~**ть брюки** шалворро даррондан 2. *кого-что* ханҷол кардан, чангол зада маҷрӯҳ кардан, харошидан, чангол задан; **дикая кошка ~ла охотника** гурбаи ваҳшӣ шикорчиро чангол зада маҷрӯҳ кардааст

изодра||ться *сов. разг.* 1. даридан, тикка-тикка (лах-лах, пора-пора) шудан; **ботинки ~лись** ботинка даридааст 2. маҷрӯҳ шудан, харошида шудан; **он ~лся о колючки** уро хор харошидааст

изо||йти I *сов. чем разг.* беҳол (бемадор) шудан; ~**йти слезами** аз гирья беҳол шудан; **раненый ~шёл кровью** ярадор аз хунравӣ бемадор шуд

изойти II *сов. что обл. (обойти)* чарх задан

изолга||ться *сов.* ба дурӯғгӯӣ одат кардан, дурӯғгуи гузаро шудан, дурӯғгӯй шуда рафтан (мондан); **он совсем ~лся** ӯ дурӯғгӯй шуда мондааст

изолиния *ж геофиз.* изолиния *(хатти харита, ки нуқтаҳои нишондиҳандаи якхелаи ягон зуҳуроти физикиро монанди фишор, ҳарорат ва ғ. пайваст мекунад)*

изолирование *с (по знач. гл.* **изолировать**) ҷудо кардан(и); ҷудогузорӣ, ҷудо нигоҳ доштан(и); изоляция кардан(и); ~ **кабеля** изоляция кардани кабель

изолированность *ж* 1. ҷудо будан(и), ҷудо нигоҳ дошта шудан(и); ~ **факта** ҷудо будани факт 2. *тех.* изоляция шудан(и); ~ **проводов** изоляция шудани симҳо

изолированн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷудо кардашуда, ҷудо нигоҳ дошташуда; изоляция кардашуда 2. *прил.* ҷудо, ҷудогона, алоҳида; ~**ая квартира** хонаи алоҳида 3. *прил. тех.* изоляцияшуда, изоляциядор; ~**ый провод** сими изоляциядор

изолировать *сов., несов.* 1. *кого-что* ҷудо кардан; ҷудо гузоштан, ҷудо нигоҳ доштан, алоҳида мондан; ~ **больного** беморро ҷудо нигоҳ доштан; ~ **кого-л. от вредных влияний** касеро аз таъсироти бад ҷудо кардан 2. *что тех.* изоляция кардан; ~ **кабель** кабельро изоляция кардан

изолироваться 1. *сов., несов.* ҷудо (дур) шудан, худро канор (ба канор) кашидан; ~ **от окружающих** аз атрофиён ҷудо шудан 2. *несов. страд.* ҷудо карда шудан; изоляция карда шудан

изолировка *ж* 1. *(по знач. гл.* **изолировать** 2) изоляция кардан(и); ~ **проводов** изоляция кардани симҳо 2. *прост.* тасмаи изоляция

изолировочн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и изоляция; ~**ое покрытие** руйкаши изоляция

изолировщик *м.* изоляциякунанда

изолирующ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* ҷудокунанда, ҷудо нигоҳдоранда 2. *прил. тех.* изоляциякунанда; ~**ая обмотка** тасмаи изоляциякунанда

изолятор *м* 1. *эл.* изолятор; **стекло является ~ом** шиша изолятор аст 2. *эл.* изолятор *(асбоби маҳкам ва изоляция кардани ноқилҳо)*; **фарфоровые ~ы** изоляторҳои чинӣ 3. изолятор *(хонаи алоҳида барои беморони касалиашон сирояткунанда, девонагон ва ғ.)*

изоляторный, -ая, -ое *в разн. знач.* ...и изолятор, изоляторӣ

изоляционизм *м полит.* изоляционизм, маҳдудиятпарастӣ

изоляционист *м полит.* изоляционист, маҳдудиятпараст, тарафдори маҳдудиятпарастӣ

изоляционистск||ий, -ая, -ое ...и изоляционизм, маҳдудиятпарастӣ, изоляционистӣ; ~**ая политика** сиёсати маҳдудиятпарастӣ

изоляционн||ый, -ая, -ое ...и изоляция; ~**ая лента** лентаи изоляция

изоляция *ж* 1. *(по знач. гл.* **изолировать**) ҷудо (изоляция) кардан(и); ҷудогузорӣ; *(по знач. гл.* **изолироваться**) ҷудошавӣ, дуршавӣ, ҷудоӣ; ~ **преступника** ҷудонигоҳдории ҷинояткор; ~ **кабеля** изоляция кардани кабель 2. *тех.* изоляция

изомерия *ж хим.* изомерия *(аз ҷиҳати таркибу вазни молекулавӣ як, вале аз ҷиҳати сохт ва хосиятҳои физикию химиявӣ гуногун будани пайвастагиҳои химиявӣ)*

изомеры *мн. (ед.* **изомер** *м) хим.* изомерҳо *(пайвастагиҳои химиявӣ, ки таркибу вазни молекулаашон як, вале сохт ва хосиятҳои физикию химиявии онҳо гуногун аст)*

изоморфизм *м хим.* изоморфизм *(қобилияти ҷудошавии моддаҳо аз маҳлул ба шакли кристалли таркибаш омехта)*

изоморфный, -ая, -ое *хим.* изоморфӣ *(дорои хусусияти изоморфизм)*

изорванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пора (пора-пора, тикка-тикка) кардашуда, даррондашуда 2. *прил.* дарида, даридагӣ; ~**ая книга** китоби даридагӣ; ~**ые носки** ҷуробҳои дарида

изорва||ть *сов. что* пора (пора-пора, тикка-тикка, лах-лах) кардан, даррондан; **он ~л письмо на мелкие клочки** ӯ мактубро пора-пора карда партофт; ~**ть перчатки** дастпушакро даррондан

изорваться *сов.* пора-пора (тикка-тикка, лах-лах) шудан, даридан, канда шудан; **пальто совсем изорвалось** пальто тамоман лах-лах шудааст

изотера *ж геогр.* изотера *(хатти харита, ки нуқтаҳои ҳарорати миёнаи якхелаи тобистонро ба ҳам мепайвандад)*

изотерма *ж* изотерма (1. *геогр. хатти харита, ки нуқтаҳои ҳарорати миёнаи якхеларо пайваст мекунид* 2. *физ. хатте, ки нисбати байни бузургиҳои физикиро дар ҳарорати доимӣ нишон медиҳад)*

изотермическ||ий, -ая, -ое *геогр., физ.* изотермӣ; ~**ие кривые** хатҳои каҷи изотермӣ

изотопы *мн. (ед.* **изотоп** *м)* изотопҳо *(хелҳои атомҳои як элементи химиявӣ, ки аз ҷиҳати вазни атомӣ ва радиоактивият аз ҳамдигар фарқ мекунанд)*; **радиоактивные** ~ изотопҳои радиоактив

изохимена *ж геогр.* изохимена *(хатти харита, ки нуқтаҳои ҳарорати миёнаи якхелаи зимистонро ба ҳам мепайвандад)*

изохронность *ж физ.* изохроннокӣ; ~ **импульсов** изохроннокии импульсҳо

изохронн||ый, -ая, -ое *физ.* изохронӣ, баробармуддат; ~**ые колебания** ларзиши изохронӣ

изощрени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **изощрить**) мукаммал кардан(и), ба камол расондан(и); *(по знач. гл.* **изощриться**) мукаммалшавӣ, тез (тезфаҳм) шудан(и); моҳир будан(и); ~**е в остроумии** камоли зарофатгуӣ 2. ҳила, найранг, фиреб; **прибегать к ~ям** фиребу найранг ба кор бурдан

изощрённость *ж* 1. мукаммалӣ, бурроӣ, тезӣ, нозукӣ; ~ **восприятия** тезии зеҳн 2. *(виртуозность)* моҳирӣ, устоӣ

изощрённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* мукаммал кардашуда, ба камол расондашуда 2. *прил.* мукаммал, бурро, тез, нозук; ~**ый слух** сомеаи тез 3. бомаҳорат, моҳир(она), баланд; ~**ое мастерство** маҳорати баланд

изощрить *сов. что (сделать более совершенным)* мукаммал (бурро, тез) кардан, ба дараҷаи назокат расондан

изощри||ться *сов.* 1. мукаммал (бурро, тез, тезфаҳм, хушзеҳн) шудан; **его память ~лась в результате тренировки** қувваи ҳофизаи ӯ дар натиҷаи машқ мукаммал шудааст 2. моҳир шудан; ~**ться в наблюдательности** дар мушоҳидакорӣ моҳир шудан

изощрять *несов. см.* **изощрить**

изощряться *несов.* 1. *см.* **изощриться**; 2. устоӣ кардан; ~ **в остротах** дар латифагӯӣ беҳамто будан 3. *страд.* мукаммал (тез, бурро) карда шудан

из-под, из-подо *предлог с род.* 1. *(указывает на предмет, место, откуда направлено действие)* аз, аз таги..., аз зери..., аз тахти...; **кошка вылезла ~ стола** гурба аз таги миз баромад; **из-подо льда** аз таги (аз зери) ях; ~ **лохматых бровей глядели живые глаза** аз зери абрӯвони ғулӣ чашмони шух менигаристанд 2. *(указывает место, из которого кто-то происходит,*

появляется и т. п.) аз назди..., аз наздикии..., аз атрофи...; **он родом** ~ **Ташкента** у аслан аз атрофи Тошкент аст; **я приехал** ~ **Ленинграда** ман аз наздикии Ленинград омадаам 3. *(указывает на изменение положения, состояния)* аз, аз тахти, аз зери; **выйти** ~ **опеки** аз қайюмият баромадан; **уйти** ~ **стражи** аз ҳабс халос шудан 4. *(указывает на прежнее назначение предмета):* **банка** ~ **варенья** банкаи холии мураббо; **коробка** ~ **папирос** қуттии холии папирос ◇ ~ **палки** бо зарби чуб, зуран; ~ **полы** ба таври пинҳонӣ, ниҳонӣ; ~ **земли достать** аз таги замин пайдо кардан

изработать *сов. что прост.* кор карда сарф кардан

изработа||ться *сов. прост.* 1. аз кор баромадан; **мотор** ~**лся** мотор аз кор баромадааст 2. аз қувват мондан, суст шуда мондан

израз||ец *м* кошин; **печь выложена** ~**цами** печь кошинкорӣ карда шудааст

изразцов||ый, -ая, -ое ...и кошин, кошинкорӣ; ~**ый цех** цехи кошин; ~**ая облицовка** руйкаши кошинкорӣ

израильтяне *мн.* исроилиҳо (1. *ист. тоифаи яҳудиёни қадим* 2. *халқи давлати Исроил*)

израильтянин *м* исроилӣ; *см.* **израильтяне**

израильтянка *ж* зани (духтари) исроилӣ, исроилизан, исроилидухтар; *см.* **израильтяне**

израни||ть *сов. кого-что* сахт (ба куллӣ) ярадор (маҷруҳ, захмдор) кардан; **барс** ~**л охотника** паланг шикорчиро сахт ярадор кардааст; **он** ~**л руку** у дастшро сахт захмдор кардааст

израстание *с с.-х.* ғав кардан(и)

израсходование *с* харҷ, сарф, харҷ (сарф) кардан(и)

израсходовать *сов. что* харҷ (сарф, хароҷот, масриф) кардан; ~ **все деньги** ҳамаи пулро харҷ кардан

израсходова||ться *сов.* 1. харҷ (сарф, хароҷот, масриф) шудан; **горючее** ~**лось** сӯзишворӣ сарф шудааст 2. *разг.* пули бисьёре сарф кардан, хароҷоти калон кардан; ~**ться на угощение** барои зиёфат харҷи калон кардан

изредить *сов. что* ягона (хишова) кардан; ~ **посевы моркови** пали сабзиро хишова кардан

изредка *нареч.* 1. гоҳ-гоҳ, гоҳо, баъзан, аҳьён-аҳьён; **он** ~ **бывает в городе** у баъзан ба шаҳр рафта меояд; **дождй выпадают здесь** ~ боронгарӣ дар ин ҷо кам аст 2. дар баъзе ҷой(ҳо), ~~ҷо-ҷо~~, баъзан; **в степи** ~ **попадались деревца** дар баъзе ҷойҳои дашт ниҳолҳо вомехурданд; ~ **виднелись строения** дар ҷо-ҷо иморатҳо менамуданд

изрежённость *ж с.-х.* тунукӣ, ягонагӣ, сиракӣ; ~ **полезащитных насаждений** сиракии дарахтони муҳофизати саҳро

изрежённ||ый, -ая, -ое (изреж|ён, -ена, -ено) *с.-х.* тунук, ягона, сирак; ~**ые посевы кукурузы** кишти сираки ҷуворимакка

изреживать *несов. см.* **изредить**

изрезанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* буридашуда, пора (реза) кардашуда 2. *прил.* каҷу килеб, пасту баланд, ноҳамвор; ~**ые берега** соҳилҳои каҷу килеб; ~**ая местность** ҷои ноҳамвор

изреза||ть *сов.* 1. *что* бурида пора-пора (реза-реза) кардан; **мелко** ~**ть овощи** сабзавотро реза кардан 2. *кого-что* бурида маҷруҳ (захмдор) кардан, чок-чок кардан; **он** ~**л руки о траву** дастонаш аз алаф чок-чок бурида шудааст 3. *что перен.* бурида гузаштан, миёнбур кардан; **река** ~**ла долину** дарьё водиро бурида гузаштааст

изрезаться *сов. разг.* маҷруҳ (ярадор) гардидан, ягон ҷои худро буридан; ~ **об осколки стекла** аз шишареза маҷруҳ шудан

изрезывать *несов. см.* **изрезать**

изрезываться *несов.* 1. *см.* **изрезаться;** 2. *страд.* пора-пора (реза-реза) карда шудан

изрекать *несов. см.* **изречь**

изрекаться *несов. страд.* гуфта шудан

изречени||е *с* ҳикмат, панд; ~**я великих мыслителей** панди мутафаккирони бузург

изречь *сов. что и без доп. уст. и ирон.* ифроз кардан, сухан рондан, гуфтан, нутқ кардан; **он изрёк несколько слов** у чанд сухан ифроз кард

изрешетить *сов. кого-что* сурох-сурох кардан, мисли ғалбер кардан; ~ **пулями** бо тир сурох-сурох кардан

изрешетиться *сов.* яксара сурох-сурох шудан, мисли ғалбер шудан

изрешечивать *несов. см.* **изрешетить**

изрешечиваться *несов.* 1. *см.* **изрешетиться;** 2. *страд.* сурох-сурох карда шудан

изрисова||ть *сов. что* 1. расм (сурат) кашида пур кардан, мусаввар кардан; **мальчик** ~**л весь альбом** писарак тамоми альбомро расм кашида пур кард 2. *разг.* расм кашида адо кардан; ~**ть коробку цветных карандашей** як қуттӣ қаламҳои рангаро расм кашида адо кардан

изрисоваться *сов. разг.* ба расмкашӣ адо шудан

изрисовывать *несов. см.* **изрисовать**

изрисовываться *несов.* 1. *см.* **изрисоваться;** 2. *страд.* мусаввар карда шудан

изрубать *несов. см.* **изрубить**

изрубаться *несов. страд.* пора-пора (реза-реза) карда шудан, кафонда шудан

изрубить *сов.* 1. *что* пора-пора (булак, булак-булак, такка-тикка, реза-реза) кардан, кафондан; ~ **тушу барана** танаи гусфанди забҳшударо булак кардан 2. *кого-что* бо шамшер зада куштан, аз дами шамшер гузарондан

изрубцевать *сов. кого-что* пур аз доғи захм кардан

изрубцовывать *несов. см.* **изрубцевать**

изругать *сов. кого-что разг.* сахт мазаммат (ҷанг, ҳақоратборон) кардан, дашном додан; ~ **кого-л.** касеро сахт мазаммат кардан

изругаться *сов. прост.* ҳақорат кардан, дашном додан; ~ **втихомолку** оҳистакак ҳақорат кардан

изрывать I *несов. см.* **изорвать**

изрывать II *несов. см.* **изрыть**

изрываться I *несов.* 1. *см.* **изорваться;** 2. *страд.* дарронда шудан

изрываться II *несов. страд.* кофта (канда) шудан, побел карда шудан

изрыга||ть *несов. что* 1. оруғ додан (задан); қай (рад) кардан, партофтан 2. *перен.* фаввора занонда баровардан, баровардa партофтан; **вулкан** ~**л потоки лавы** вулкан ҷараёни пурзури лаваро фаввора занонда мебаровард 3. *перен.* сахт гуфтан (хондан); ~**ть проклятия** лаънат гуфтан (хондан)

изрыгнуть *сов. однокр. к* **изрыгать**

изрыскать *сов. что разг.* гашта (давр зада) баромадан; ~ **все окрестности** тамоми атрофро давр зада баромадан

изрыт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кофташуда, кандашуда 2. *прил.* ноҳамвор, чақар-чуқур; ~**ая дорога** роҳи ноҳамвор ◇ ~**ое оспой лицо** руи доғи нағзакдор

изры||ть *сов. что* кофтан, кандан, побел кардан; чақар-чуқур кардан, кофта вайрон кардан; **крот** ~**л весь огород** курмуш тамоми полизро кофта вайрон кардааст; **земля** ~**та воронками от снарядов** гулулаҳои туп заминро чақар-чуқур карданд

изрядно *нареч. разг.* бисьёр, хеле; **он** ~ **поработал** вай бисьёр кор кард

изрядн||ый, -ая, -ое (изряд|ен, -на, -но) 1. *уст.* нағз, хуб, хеле нағз (хуб); **он** ~**ый охотник** у сайёди хуб аст 2. *разг.* калон, фаровон, хеле калон; сахт; ~**ый урожай хлопка** ҳосили фаровони пахта; ~**ые холода** хунукиҳои хеле сахт

изувер *м* 1. мутаассиб, хурофотпараст 2. *перен.* бераҳм, ваҳшӣ, дарранда

изуверка *женск. к* **изувер**

изуверск||ий, -ая, -ое 1. ...и мутаассиб 2. *перен.* ниҳоят бераҳм(она), ваҳшиёна; ~**ое обращение** муомилаи ваҳшиёна

изуверство *с* 1. таассуб, хурофотпарастӣ, мавҳумотпарастӣ 2. *перен.* ваҳшигарӣ, бераҳмӣ

изуверствовать *несов.* таассуб кардан, мавҳумотпарастӣ кардан; мутаассибона ваҳшигарӣ кардан

изувеченный, -ая, -ое 1. *прич.* маъюб кардашуда 2. *прил.* маъюб, маслуқ; ~ **солдат** солдати маслуқ 3. *прил.* вайрон, шалақ; ~ **автомобиль** автомобили вайрон

изувечивать *несов. см.* **изувечить**

изувечиваться *несов.* 1. *см.* **изувечиться;** 2. *страд.* маъюб карда шудан

изувечи||ть *сов.* 1. *кого-что* маъюб (маслуқ) кардан, лат хӯрондан; **он** ~**л себе руку** у дасти худро маъюб кард 2. *что* вайрон кардан, аз кор баровардан; ~**ть машину** мошинро вайрон кардан

изувечиться *сов.* маъюб (маслуқ) шудан, худро маъюб кардан

изукраси||ть *сов. разг.* 1. *что уст.*

оро (ороиш, зинат, зеб) додан, оростан; **кóмнату ~ли к прихóду гостéй** хонаро ба омад-омади меҳмонон ороиш доданд 2. *кого-что ирон.* ифлос (чиркин, олуда) кардан; **посмотри́, как ты себя́ ~л** бубин, чӣ хел ифлос шудаӣ 3. *кого-что ирон.* расво (бадафт, безеб) кардан; **ну и ~л же он мотоци́кл!** мотоциклро расво кардааст-ку!

изукра́си||ться *сов. разг.* 1. *уст.* худро оро (зинат) додан, худро оростан, ороста шудан; ороиш ёфтан; **гóрод ~лся огня́ми** шаҳр бо чароғҳо ороиш ёфтааст 2. *ирон.* ифлос (чиркин, олуда) шудан; **~ться са́жей** бо дуда олуда шудан 3. *ирон.* маъюб шудан, бадафт (безеб) шудан; **~ться синяка́ми** аз сурхию кабудии зарбу лат безеб шудан

изукра́шивать *несов. см.* **изукра́сить**

изукра́шиваться *несов.* 1. *см.* **изукра́ситься;** 2. *страд.* оро (ороиш, зинат, зеб) дода шудан

изуми́тельн||ый, -ая, -ое (изуми́те|-лен, -льна, -льно) ҳайратангез, ҳайратовар, аҷиб, аҷоиб, тааҷҷубовар; бисьёр нағз, шавқовар; **~ая па́мять** ҳофизаи ҳайратангез; **~ая погóда** ҳавои бисьёр нағз

изуми́||ть *сов. кого* ба ҳайрат (ба тааҷҷуб) овардан (андохтан), ҳайрон кардан; **егó постýпок всех ~л** рафтори у ҳамаро ба ҳайрат овард

изуми́||ться *сов.* дар ҳайрат (дар тааҷҷуб) мондан, ҳайрон шудан, мабҳут шудан, тааҷҷуб кардан

изумле́ни||е *с* хайрат, тааҷҷуб, ҳайронӣ, таҳайюр, мабҳутӣ; **прийти́ в ~е** ба ҳайрат омадан; **останови́ться в ~и** моту мабҳут шуда истодан

изумлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ба ҳайрат овардашуда, ҳайрон кардашуда 2. *прил.* ҳайрон, мутаҳайир; **смотреть ~ым взгля́дом** бо назари ҳайрат нигаристан

изумля́ть(ся) *несов. см.* **изуми́ть(ся)**

изумру́д *м* зумуррад; **кольцó с ~ом** ангуштарини нигинаш зумуррад

изумру́дн||ый, -ая, -ое 1. ...и зумуррад, зумуррадин, зумурраддор; **~ые рóссыпи** кони зумуррад; **~ая брошь** сарсузани зумурраддор 2. (*ярко-зелёный*) зумуррадранг, зумуррадӣ, зумуррадтоб; **~ая тра́вка** гиёҳи зумуррадгун

изурóдовани||ый, -ая, -ое 1. *прич.* маслук (маъюб) кардашуда; бадафт кардашуда; вайрон кардашуда 2. *прил.* маслуқ, маъюб; бадафт, хунук; **~ые рýки** дастони маъюб 3. *прил.* (*искажённый*) бадшакл, баднамо 4. *прил.* вайрон, шалақ; **на обóчине дорóги стоял ~ый мотоци́кл** дар канори роҳ мотоцикли вайроне меистод 5. *прил. перен.* вайрон, нодуруст, ғайриоддӣ, ғайритабиӣ; **~ая жизнь** зиндагии дарҳам-барҳам

изурóдова||ть *сов.* 1. *кого-что* маъюб кардан; бадшакл (бадандом, бадафт, хунук) кардан; **óспа ~ла егó лицó** нағзак ӯро баднамо кардааст 2. *кого-что* бадшакл (баднамо) кардан; **её лицó ~ла злóба** рӯи ӯ аз хашм баднамо шудааст 3. *что* вайрон кардан, аз кор баровардан; **трактор был си́льно ~н** трактор тамом аз кор бароварда шуда буд 4. *что перен.* вайрон (таҳриф) кардан, нодуруст карда нишон додан; **~ть чужýю мысль** фикри касеро таҳриф кардан 5. *кого перен.* вайрон кардан; **егó ~ло плохóе воспита́ние** тарбияи бад уро вайрон кардааст

изурóдоваться *сов.* маслук (маъюб) шудан; бадафт шудан

изу́стный, -ая, -ое лафзӣ, даҳонӣ, шифоҳӣ, забонӣ; **~ расска́з** накли шифоҳӣ

изуча́ть *несов. см.* **изучи́ть**

изуча́ться *несов. страд* омухта (ёд гирифта) шудан, аз худ карда шудан

изуче́ние *с* (*по знач. гл.* **изучи́ть**) омӯзиш, омӯхтан(и), аз худ кардан(и), тадқиқ, таҳқиқ; **~ истóрии** омухтани таърих

изу́ченность *ж* омӯхта шудан(и), санҷида шудан(и); **~ пробле́мы** омухта шудани масъала

изу́ченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* омухташуда, санҷидашуда, озмудашуда 2. *прил.* омухта, санҷида, озмуда; **~ая тéма** мавзуи омухташуда; **~ый спóсоб** роҳи санҷидашуда

изучи́ть *сов.* 1. *что* омухтан, ёд гирифтан; **~ таджи́кский язы́к** забони тоҷикиро омухтан 2. *что* омӯхтан, аз худ кардан, ёд гирифтан; **~ радиотéхнику** радиотехникаро аз худ кардан 3. *что* тадқиқ (таҳқиқ) кардан, омӯхтан; **~ проблéму** масъаларо омухтан; **~ ры́нок** *эк.* харидуфурӯшро тадкик кардан 4. *кого-что* муоина кардан, дида баромадан; **~ больнóго** беморро муоина кардан 5. *кого-что* озмудан, санҷида фаҳмидан; **~ чьй-л. привы́чки** одатҳои касеро санҷидан

изъ= *приставка префиксе, ки пеш аз йотбарсарҳои «е», «ю», «я» ба ҷои «из=» кор фармуда мешавад:* **изъéсть** хӯрдан, хоидан; *см. тж.* **из=**

изъеда́ть *несов. см.* **изъéсть**

изъéзди||ть *сов. что разг.* 1. давр задан, давр зада (чарх зада) баромадан, тай кардан, гаштан; **прóшлым лéтом он ~л весь Крым** тобистони гузашта ӯ тамоми Қримро саёҳат кард 2. бисьёр гашта вайрон кардан, гашта ноҳамвор (охурча) кардан; **двор ~ли маши́ны** мошинҳо бисьёр гашта рӯи ҳавлиро охурча карданд

изъéзди||ться *сов. прост.* 1. (*о дороге*) вайрон шудан, кӯҳна шудан, аз кор баромадан 2. (*о лошади*) аз пой мондан; **был конь, да ~лся** *погов.* асп аспи нағз буду аз пой монд

изъéзженн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* давр задашуда, тай кардашуда; вайрон кардашуда 2. *прил.* вайрон, ноҳамвор; чақар-чуқур, охурчадор; **~ая дорóга** роҳи вайрон

изъé||сть *сов.* 1. *что* хурдан, хоидан, хӯрда нобуд кардан; задан; **мы́ши ~ли мешóк из-под муки́** мушҳо халтаи ордро хоидаанд; **пальто ~ла моль** пальторо куя задааст 2. *кого-что разг.* газидан, хӯрдан, тала кардан; **у реки́ нас ~ли комары́** дар лаби дарьё моро хомушак тала кард 3. *что* сузондан, хароб кардан, аз кор баровардан; **кислотá ~ла емý рýки** кислота дастҳои ӯро сӯзонидааст; **ржа́вчина ~ла кры́шу** тунукаи бом занг задааст

изъяви́тельн||ый, -ая, -ое: **~ое наклонéние** *грам.* сиғаи хабарӣ

изъяви́||ть *что сов.* изҳор (баён, эълон) кардан, нишон додан; **~ть желáние поéхать** хоҳиши сафар кардан; **онá ~ла соглáсие** ӯ розӣ шуд

изъявлéние *с* (*по знач. гл.* **изъяви́ть**) изҳор, изҳор (баён) кардан(и); **~ желáния** изҳори хоҳиш; **~ соглáсия** изҳори ризоият; **~ послéдней вóли** изҳори хоҳиши вопасин

изъявля́ть *несов. см.* **изъяви́ть**

изъявляться *несов. страд.* изҳор (баён, эълон) карда шудан

изъязви́||ть *сов. что* ярадор (захмдор) кардан, яғир кардан; **поклáжа ~ла спи́ну лóшади** бор пушти аспро яғир кардааст

изъязвлéние *с* (*по знач. гл.* **изъязви́ть**) ярашавӣ, захмдоршавӣ, яғир шудан(и); **~ сли́зистой оболóчки** ярашавии пардаи луобӣ

изъязвля́ть *несов. см.* **изъязви́ть**

изъязвляться *несов. страд.* ярадор (захмдор) карда шудан, яғир карда шудан

изъя́н *м* 1. нуқсон, айб, камбудӣ, иллат; **~ы в костю́ме** нуқсони костюм; **товáр с ~ом** моли боиллат 2. *перен.* камбудӣ, норасоӣ; **в егó подготóвке немáло ~ов** тайёрии у камбудии бисьёр дорад 3. *уст.* зарар, зиён; **войти́ в ~** зарар кашидан (дидан)

изъяснéни||е *с уст.* 1. (*по знач. гл.* **изъясни́ть**) фаҳмондан(и), эзоҳ (шарҳ) додан(и), изҳор (баён) кардан(и); (*по знач. гл* **изъясни́ться**) изҳор, ифода, ифода ёфтан(и); **~е основны́х положéний доклада** фаҳмондани нуктаҳои асосии маъруза; **~е в любви́** изҳори муҳаббат 2. эзоҳ, шарҳ; **многослóвные ~я** шарҳи тулонӣ

изъясни́тельный, -ая, -ое *уст* эзоҳдиҳанда, эзоҳӣ, маънидодкунанда, шарҳдиҳанда; **~ текст** матни эзоҳӣ

изъясни́||ть *сов. что уст.* фаҳмондан, эзоҳ (шарҳ) додан, маънидод кардан, изҳор (баён) кардан; **~ть свою́ мысль** фикри худро шарҳ додан; **он ~л свою́ прóсьбу** у хоҳиши худро эзоҳ дод

изъясни́ться *сов. уст.* изҳор (баён) кардан, ифода ёфтан; **откровéнно ~** ошкоро изҳор кардан

изъясня́ть *несов. см.* **изъясни́ть**

изъясня́||ться *несов.* 1. *см.* **изъясни́ться;** 2. гап задан, гуфтугӯ кардан; **он свобóдно ~ется по-таджи́кски** ӯ ба тоҷикӣ бемалол гап мезанад 3. *страд.* эзоҳ (шарҳ) дода шудан, изҳор карда шудан

изъя́ти||е *с* 1. (*по знач. гл.* **изъя́ть**) аз истеъмол хориҷ кардан(и), аз истеъмол баровардан(и), бекор (мансух) кардан(и); мусодира кардан(и); **~е чегó-л. из употреблéния** аз истеъмол хориҷ кардани чизе 2. истисно, мустасно; в ~е

из прáвил ба тариқи истиснои қоида; всё без ~я хама бе истисно

изъя́||ть *сов. что* 1. аз истеъмол хориҷ кардан, аз истеъмол баровардан, бекор (мансух) кардан, манъ кардан; **кни́гу ~ли из продáжи** китобро аз фуруш гирифтанд 2. мусодира кардан, кашида гирифтан; **~ть орýжие** яроқу аслиҳаро мусодира кардан

изымáть *несов. см.* **изъя́ть**

изымáться *несов. страд.* аз истеъмол бароварда шудан, бекор карда шудан; мусодира карда шудан

изыскáни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **изыскáть**) пайдо кардан(и), кофтуков, ҷустуҷӯ; **~е нóвого спóсоба произвóдства чегó-л.** ҷустуҷӯи роҳи нави истеҳсоли чизе 2. *чаще мн.* **изыскáния** тадқиқот, таҳқиқот; **~я в óбласти хи́мии** тадқиқоти соҳаи химия 3. *чаще мн.* **изыскáния** тадқиқот, тадқиқоти (ҷустуҷӯи) пешакӣ; **геологи́ческие ~я** тадқиқоти геологӣ

изы́сканность *ж* 1. назокат, латофат, зарофат, нозукӣ; **~ вкýса** нозукии табъ 2. *уст.* серороишӣ, дабдабанокӣ; **~ выражéний** дабдабанокии ибораҳо

изы́сканн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пайдо кардашуда, ёфташуда 2. *прил.* нозук, латиф, зариф, зукка, боназокат болатофат; **~ые манéры** рафтори боназокат; **~ый вкус** табъи нозук 3. *прил. уст.* серороиш, дабдабанок; **~ый стиль письмá** услуби дабдабаноки мактуб

изыскáтель *м* ҷуянда, муҳаққиқ, кафшкунанда, кашшоф

изыскáтельск||ий, -ая, -ое ...и ҷуянда(гон), ...и муҳаққиқ(он); **~ая пáртия** гурӯҳи ҷӯяндагон

изыскáть *сов. кого-что книжн.* пайдо кардан, ёфтан, кофта ёфтан, ҷустан, кашф кардан; **~ срéдства** маблағ пайдо кардан

изыскá||ться *сов. книжн.* пайдо (ёфт) шудан; **возмóжности ~лись** имконият пайдо шуд

изы́скивать *несов.* 1. *см.* **изыскáть**; 2. *что книжн.* таҳқиқ (кашф) кардан, таҳқиқ карда ёфтан; **~ нóвые замени́тели кóжи** навтарин чармҳои сунъиро кашф кардан

изы́скиваться *несов.* 1. *см.* **изыскáться**; 2. *страд.* пайдо карда шудан, ёфта шудан

изю́бр *м зоол.* гавазн

изю́бров||ый, -ая, -ое ...и гавазн; **~ые рогá** шохҳои гавазн

изю́м *м* мавиз; **хлеб с ~ом** нони мавиздор ◇ **не фунт ~у** *в знач. сказ. прост.* ҳазл не, нони хоида не, осон не

изю́мина *ж разг.* донаи мавиз

изю́минк||а *ж* 1. *уменьш. к* **изю́мина**; 2. *перен.* дилбар, дилкаш; маза, шира; **он человéк с ~ой** у одами дилкаш аст; **в э́том расскáзе нет ~и** ин ҳикоя маза надорад

изю́мный, -ая, -ое ...и мавиз; мавиздор, мавизин; **~ вкус** мазаи мавиз

изя́щество *с* зебоӣ, нафосат, назокат, латофат, зарофат; **~ движéний** зебоии ҳаракат; **~ сти́ля** нафосати услуб

изя́щно *нареч.* зебо, латиф, нозук

изя́щность *ж* зебоӣ, нафосат, назокат, латофат, зарофат; **~ манéр** назокати рафтор

изя́щн||ый, -ая, -ое (изя́щ|ен, -на, -но) 1. зебо, нафис, латиф, зариф, нозук, бонафосат; **~ые манéры** шиштухези зебо 2. *в знач. сущ.* **изя́щное** *с* зебоӣ, латофат, назокат; **чýвство ~ого** нозуксанҷӣ ◇ **~ые искýсства** *уст.* саноеи нафиса; **~ая литератýра (словéсность)** *уст.* адабиёти бадеӣ

икáние *с* (*по знач. гл.* **икáть**) ҳиққак задан(и)

и́канье *с лингв.* «и»-гуӣ, талаффуз кардани «и»; *см.* **и́кать**

и́кать *несов. лингв.* «и» гуфтан (*пеш аз ҳиҷоҳои заданок ба ҷои «е» ва «я» «и» талаффуз кардан*)

икáть *несов.* ҳиққак задан, ҳиқ-ҳиқ кардан

икáться *несов. безл. разг.* ҳиққак шудан

икнýть(ся) *сов. однокр. к* **икáть(ся)**

икóна *ж* икона (*сурати худо, фариштаю авлиёҳои христианӣ*); **~ дрéвнего письмá** иконаи қадима

икóнный, -ая, -ое ...и икона; **~ мáстер** рассоми иконакаш

иконобóрец *м ист.* иконаношинос

иконобóрческий, -ая, -ое *ист.* ...и иконаношинос, ...и иконаношиносӣ

иконобóрчество *с ист.* иконаношиносӣ (*дар Византияи асрҳои 8—9 ҳаракати иҷтимоии зидди роҳибҳо ва заминдории монастырӣ, ки дар шакли мубориза бар зидди иконапарастӣ мегузашт*)

иконографи́ческий, -ая, -ое иконографӣ, ...и иконография; **~ труд** асари иконография

иконогрáфия *ж* иконография (1. *омузиши тасвири сурати шахсу сюжетҳои муайян ва муқаррар кардани дурустии суратҳо* 2. *собир. маҷмуи ин гуна суратҳо*)

иконопи́сец *м* иконакаш

иконопи́сн||ый, -ая, -ое 1. ...и иконакашӣ; **~ая мастерскáя** устохонаи иконакашӣ 2. ...и услуби иконакашӣ; **портрéт в ~ой манéре** сурати услуби иконакашӣ 3. *перен.* ҷиддӣ; **~ое лицó** қиёфаи ҷиддӣ

и́конопись *ж* иконокашӣ

иконоскóп *м* иконоскоп (*найчаи электронии шуоъ дар телевизион*)

иконостáс *м церк.* меҳроби калисо

иконотéка *ж* иконотека (*маҷмӯи суратҳои мазмунашон якхела*)

икóрка *ж ласк. к* **икрá** I 2

икóрный, -ая, -ое ...и тухми моҳӣ

икóт||а *ж* ҳиққак; **неудержи́мая ~а** ҳиққаки сахт; **страдáть ~ой** ба ҳиққак гирифтор будан

икр||á I *ж* 1. тухм; **лягýшечья ~á** тухми қурбоққа; **метáние ~ы́** тухмгузорӣ, тухмпартоӣ 2. тухми моҳӣ; **чёрная ~á** тухми сиёҳи моҳӣ 3. шакароб, хуриш (*хурок аз сабзавоти реза*); **кабачкóвая ~á** шакароби таррак ◇ **метáть ~ý** *груб. прост.* тухм дар тухмдон қава шудан

икрá II *ж см.* **и́кры**

икри́нка *ж* тухм

икри́ст||ый, -ая, -ое сертухм; **~ая ры́ба** моҳии сертухм

икрометáние *с рыб.* тухмгузорӣ, тухмзоӣ, тухмпартоӣ

и́кры *мн.* (*ед.* **икрá** *ж*) мушаки соқи по, соқ; **тóнкие ~** соқҳои борики по

икрян||óй, -áя, -óе тухмдор; ...и тухми моҳӣ; **~áя ры́ба** моҳии тухмдор; **~óй чан** чалаки тухми моҳӣ

икс *м* 1. икс (*номи ҳарфи алифбои лотинӣ*) 2. *мат.* икс (*адади номаълум, ки бо ҳарфи «х» ишора мешавад*); 3. икс, фалонӣ, фалон кас ◇ **~-лучи́** *уст.* икс-шуоъ (*шуоъҳои рентген*)

ил *м* лойқа; **в прудý скопи́лось мнóго ~а** ҳавзро лойқа зер кардааст

и́ли (иль) *союз* 1. *разд.* ё, ё ...ё, ё худ, ё ки, ё ин ки, ва ё; **сегóдня ~ зáвтра** имруз ё пагоҳ; **~ уйти́, ~ остáться** ё рафтан лозим, ё мондан 2. *разд.-перечисл.* ё... ё... , ё... ва ё... , ё... ё ин ки...; **он всегдá ~ читáет, ~ пи́шет** у ҳамеша ё мехонад, ё менависад 3. *присоед.* (*а также, и*) инчунин, ва; **мы ходи́ли в парк, в лес ~ нá реку** мо ба чорбоғ, ба беша ва ё ба дарьё рафтем 4. *против.* (*иначе, в противном случае*) вагарна, дар акси ҳол, набошад, ки; **иди́ скорéе, ~ я рассержýсь** тезтар рав, набошад ман меранҷам; **кончáй, ~ хýдо бýдет** бас кун, ки корат ганда мешавад 5. *поясн.* (*то есть, иными словами*) яъне, ба ибораи дигар, ё худ, ё ин ки...; **земновóдные, ~ амфи́бии** дубаҳрагон, яъне амфибияҳо 6. *вопр. разг.* (*разве, неужели*) магар, наход; **~ ты об э́том не знал?** магар ту аз ин хабар надоштӣ?; **~ тебé холóдно?** наход хунук хурда бошӣ? 7. *вопр. разг.* (*может быть*) ё, шояд, балки; **чтó-то ты блéден, ~ нездорóвится?** рангат кандагӣ барин, боз касал [нашуда] бошӣ? **пойдём, ~ ты устáла?** меравем, ё ту монда шудӣ?

и́лист||ый, -ая, -ое (и́лист, -а, -о) лойқадор, лойқазор, серлойқа, ...и лойқа; **~ые берегá** соҳилҳои лойқазор; **~ое днó реки́** таги серлойқаи дарьё

иллюзиони́зм *м* 1. *филос.* иллюзионизм (*ақидаи ғайриилмии фалсафӣ, ки гӯё дуньёи моддӣ аз зуҳурот ва хаёли ботил иборат аст*) 2. иллюзионизм, чашмбандӣ, шуъбадабозӣ (*намуди санъати цирк, ки аз фиреби чашму назар иборат аст*)

иллюзиони́ст *м* 1. *филос.* иллюзионист, пайрави иллюзионизм 2. (*цирковой артист*) иллюзионист, чашмбанд, шуъбадабоз

иллюзионисти́ческ||ий, -ая, -ое *филос.* иллюзионистӣ, ...и иллюзионизм; **~ое течéние** ҷараёни иллюзионизм

иллюзиони́стский, -ая, -ое ...и иллюзионист, ...и чашмбанд, ...и шуъбадабоз; ...и чашмбандӣ, ...и шуъбадабозӣ; **~ жанр** жанри чашмбандӣ

иллюзиóнный, -ая, -ое ...и иллюзия, хомхаёлӣ, хомхаёлона

иллю́зия *ж* 1. иллюзия, фиреби ҳис,

ғалати тасаввур; **оптическая** ~ фиреби назар 2. *перен.* хаёли хом; **жить** ~**ми** бо хаёлҳои хом умр ба сар бурдан

иллюзо́рность *ж* хом (пуч) будан(и), хаёлӣ, ботилӣ; ~ **надёжд** пуч будани умедҳо

иллюзо́рн||ый, -ая, -ое (иллюзо́р|ен, -на, -но) хом, хаёлӣ, пуч; ~**ые надёжды** умедҳои пуч; ~**ые результа́ты** натиҷаҳои ботил

иллюмина́тор I *м мор.* иллюминатор *(тирезаи доирашакли киштӣ)*

иллюмина́тор II *м (специалист)* иллюминатор, мутахассиси иллюминация

иллюминацио́нн||ый, -ая, -ое иллюминационӣ, ...и иллюминация, ...и чароғон; ~**ые украше́ния** ороиши иллюминационӣ

иллюмина́ци||я *ж* иллюминация, чароғон, чароғонкунӣ, машъалгиронӣ; **огни́** ~**и** чароғон

иллюмини́ровать *сов., несов. см.* **иллюминова́ть** I

иллюмини́роваться *несов. см.* **иллюминова́ться**

иллюминова́ть *сов., несов. что* 1. иллюминация (чароғон) кардан; ~ **у́лицы** кӯчаҳоро чароғон кардан 2. *уст.* ранг кардан, рангу бор додан, нақшу нигор кардан; ~ **кни́гу** китобро нақшу нигор кардан

иллюминова́ться *несов. страд.* иллюминация (чароғон) карда шудан

иллюстрати́вн||ый, -ая, -ое 1. тасвирӣ, ...и шарҳдиҳанда, ...и расм, ...и сурат; ~**ые зарисо́вки** лавҳаҳои тасвирӣ 2. *перен.* мисолдор, ...и мисол, мисолӣ; ~**ый материа́л** материали шарҳдиҳанда 3. *перен.* аёнӣ; ~**ый ме́тод преподава́ния** усули аёнии дарсдиҳӣ

иллюстра́тор *м* рассом, расмкаш, сураткаш; ~ **кни́ги** рассоми китоб

иллюстра́ци||я *ж* 1. *см.* **иллюстри́рование;** 2. тасвир, расм, сурат; **многочи́сленные** ~**и** расмҳои бисьёр; **цветны́е** ~**и** суратҳои ранга 3. *перен. (пример)* намуна, мисол

иллюстри́рование *с (по знач. гл.* **иллюстри́ровать)** ороиш додан(и); расмдор кардан(и); бо мисол тасвир кардан(н)

иллюстри́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тасвиршуда, расмдоршуда, мусаввархшуда 2. *прил.* расмдор, суратдор, суратнок, мусаввар; ~**ое изда́ние** нашри[яи] мусаввар

иллюстри́рова||ть *сов., несов. что* ороиш додан; расмдор (суратдор, суратнок) кардан; ~**ть кни́гу для дете́й** китоби бачагонаро суратдор кардан 2. *перен.* бо мисол тасвир кардан, бо мисол фаҳмондан; **он** ~**л свой докла́д конкре́тными приме́рами** ӯ маърузаи худро бо мисолҳои аниқ мефаҳмонд

иллюстри́роваться *несов. страд.* ороиш дода шудан; расмдор карда шудан

и́ловый, -ая, -ое *см.* **и́листый**

ило́т *м ист.* илот, ғулом *(деҳқоне, ки дар Спартаи қадим дар қайди ғуломӣ буд)*

иль *союз разг. см.* **и́ли**

и́льк||а *ж* хаз *(ҷонваре аз ҷинси савсор)*; *(мех)* пӯсти хаз; **воротни́к из** ~**и** гиребони пусти хаз

и́льковый, -ая, -ое хазӣ, ...и хаз; *(из меха ильки)* ...и пусти хаз; ~ **воротни́к** гиребони пусти хаз

ильм *м бот.* сада *(дарахти садамонанди чубаш гаронбаҳо, ки дар Европа меруяд)*

ильме́нный, -ая, -ое *обл.* кӯлӣ, ...и кӯл

ильме́нь *м обл.* кӯл *(кӯли лаби дарьё)*

и́льмов||ый, -ая, -ое ...и сада; ~**ая ро́ща** чакалакзори сада

им 1. *тв. от* **он, оно́;** 2. *дат. от* **они́**

имажини́зм *м лит.* имажинизм *(яке аз ҷараёнҳои назми руси солҳои аввали баъди революцияи Октябрь, ки ғояи эҷодиётро инкор мекард ва тумтароқии зоҳирии образҳоро асоси эҷод мешумурд)*

имажини́ст *м лит.* имажинист, пайрави имажинизм

имажини́стск||ий, -ая, -ое *лит.* имажинистӣ, ...и имажинизм; ~**ая поэ́зия** назми имажинистӣ

има́м *м* имом

имби́рн||ый, -ая, -ое занҷабилӣ, ...и занҷабил, ...и гармдору; занҷабилдор; ~**ые семена́** тухми гармдору; ~**ое ма́сло** равғани занҷабил; ~**ое те́сто** хамири занҷабилдор

имби́рь *м (растение и пряность)* занҷабил, гармдору

име́ние *с* 1. мулк, амлок, моликона; мулки помещик; **родово́е** ~ мулки падар (бобой) 2. *уст. (имущество)* мулк, моликият

имени́нник *м* 1. соҳибҷашн 2. *перен. шутл. (герой дня)* сабабгор ◇ **сиде́ть** ~**ом, смотре́ть** ~**ом** қиёфаи хурсандона доштан

имени́нница *женск. к* **имени́нник**

имени́нный, -ая, -ое ...и рӯзи номгузорӣ; ~ **пода́рок** тӯҳфаи рузи номгузорӣ

имени́ны *тк. мн.* рӯзи номгузорӣ; **справля́ть** ~ рузи номгузориро ҷашн гирифтан

имени́тельный, -ая, -ое: ~ **паде́ж** *грам.* падежи именительный *(шакли асосии калима, ки дар забони тоҷикӣ ба саволҳои «кӣ?», «чӣ?» ҷавоб медиҳад)*

имени́тость *ж* 1. *уст.* номдорӣ, номдор (номӣ) будан(и); ~ **ро́да** номдории аҷдод 2. *разг.* шӯҳратмандӣ, маъруфӣ, шуҳрат; ~ **писа́теля** шуҳратмандии нависанда

имени́тый, -ая, -ое (имени́т, -а, -о) 1. *уст.* номдор, номӣ, муҳтарам; ~ **купе́ц** савдогари номдор 2. *разг.* шӯҳратманд, машҳур, маъруф, номӣ; ~ **писа́тель** нависандаи машҳур

и́менно *частица* 1. *(как раз)* маҳз, хусусан, махсусан, айнан; ~ **вы мне и нужны́** маҳз шумо ба ман даркоред 2. *(при вопр. мест. и нареч.)* маҳз, махсусан; **тру́дно сказа́ть, что** ~ **он подразумева́ет** гуфтан мушкил аст, ӯ маҳз чиро дар назар дошта бошад; **а кто** ~ **до́лжен прийти́?** маҳз кӣ меояд? 3. *присоед.* яъне; **э́то бы́ло неда́вно,** ~ **ме́сяц тому́ наза́д** ин ба наздикӣ, яъне як моҳ пештар, рӯй дода буд // *в сочет. с союзами «а», «и»* маҳз, ва маҳз, махсусан; **он ча́сто е́здил на юг, а** ~ **в Крым** у зуд-зуд ба ҷануб ва маҳз ба Қрим мерафт 4. *перечисл.* яъне, чунончи, масалан, монанди; **к нему́ пришли́ го́сти, а** ~ **брат с жено́й, това́рищ и сослужи́вцы** ба назди ӯ меҳмонон, яъне: бародари у бо занаш, рафиқаш ва ҳамкоронаш омаданд 5. *разг. (да, действительно)* оре, бале, ҳа, воқеан, албатта; ~ **так** бале, ҳамин тавр; **вы пра́вы, вот** ~ **так и бы́ло** гапатон ҳақ, айнан ҳамин тавр шуда буд

имени||о́й, -а́я, -о́е 1. номӣ, шахсӣ, хоса; ~**ые часы́** соати хосаи инъомӣ; ~**о́е приглаше́ние** даъвати хоса 2. *грам.* номӣ, ном, исмӣ, ...и исм; ~**о́е склоне́ние** тасрифи номҳо ◇ ~**о́й спи́сок** рӯйхати номҳо; ~**о́й ука́з** *уст.* фармони олӣ

имено́ванн||ый, -ая, -ое *прич.* номидашуда, номбурда ◇ ~**ое число́** *мат.* адади муайян

имен||ова́ть *несов. кого-что* номидан, ном додан; **его́** ~**у́ют Петро́м** уро Пётр меноманд

имен||ова́ться *несов.* ном доштан, номида шудан; **тако́й посту́пок** ~**у́ется по́двигом** ин гуна рафтор корнома асту бас

имену́емый 1. *прич.* номидашаванда, номдошта, номидашуда 2. *прил.* ба ном

имерети́н *м* имеретин; *см.* **имерети́ны**

имерети́нка *ж* имеретинзан, имеретиндухтар, зани (духтари) имеретин; *см.* **имерети́ны**

имерети́нский, -ая, -ое имеретинӣ, ...и имеретинҳо

имерети́ны *мн.* имеретинҳо *(гурӯҳи қисми ғарбии Гурҷистон)*

име́ть *несов.* 1. *кого-что* доштан, дорои чизе будан, соҳиб будан; ~ **дете́й** фарзанд доштан; **он име́ет мотоци́кл** у мотоцикл дорад; ~ **тала́нт ора́тора** истеъдоди нотиқӣ доштан; ~ **серьёзные возраже́ния** эътирози ҷиддӣ доштан; ~ **наме́рение** мақсад доштан; ~ **пра́во на образова́ние** ба маълумот ҳуқуқ доштан; ~ **ра́вные права́** ҳуқуқҳои баробар доштан; **бассе́йн име́ет три ме́тра в глубину́** чуқурии ҳавз се метр аст 2. *что в сочет. с сущ. и с неопр.:* **он име́л сме́лость возража́ть** ӯ ҷуръати эътироз кардан дошт; ~ **де́рзость прийти́** ҷуръати омадан доштан 3. *что в сочет. с неопр. сов. уст. офиц.* доштан, хостан; **я име́ю предложи́ть сле́дующее** ман чунин таклиф дорам; **что вы име́ете сказа́ть?** шумо чӣ гуфтан мехоҳед? ◇ ~ **ви́ды на кого́-что́-л.** касеро, чизеро таги чашм кардан; ~ **де́ло с ке́м-че́м-л.** бо касе, бо чизе сарукор доштан; ~ **зуб на (про́тив) кого́-л.** дандон доштан ба касе, қасд доштан; ~ **ме́сто** ҷой доштан, вуҷуд доштан, воқеъ шудан, рӯй додан; ~ **ру́ку** *где* соябони сар (пушту паноҳ) доштан; ~ **се́рдце на кого́-л.** аз касе ранҷидан, ба дил кина гирифтан; ~ **це́лью,** ~ **цель** мақсад (орзу, ният) доштан; ~ **в виду́** 1) *кого-что (подразу-*

мевать) дар назар доштан, ба назар гирифтан 2) *кого-что (принимать во внимание)* дар хотир (дар назар) доштан, ба ҳисоб гирифтан 3) *что (иметь намерение)* ният (мақсад) доштан, хостан; ~ **в мыслях что-л.** дар бораи чизе фикр кардан; **не ~ в мыслях чего-л.** дар бораи чизе хаёл накардан; ~ **в руках** доштан, соҳиб будан; ~ **под руками (под рукой)** дастрас будан; **ничего не ~ против** зид (муқобил) набудан

име́||ться *несов.* будан, мавҷуд будан, доштан; **при доме ~лся сад** ҳавлӣ боғ дошт; **~ются все возможности** тамоми имконият ҳаст ◇ **~ться в виду** дар назар дошта шудан

и́ми *тв. от* **они**

имита́тор *м* тақлидгар, муқаллид

имита́торск||ий, -ая, -ое ...и тақлидгар, тақлидгарӣ, ...и муқаллид, муқаллидӣ; **~ие способности** қобилияти муқаллидӣ

имита́ция *ж* 1. *(по знач. гл.* **имити́ровать)** тақлид, тақлид кардан(и); **~ соловьиного пения** тақлиди хониши булбул 2. қалбакӣ; **иску́сная ~ же́мчуга** марвориди қалбакии устокорона сохташуда 3. *муз.* имитация, такрор *(такрори мавзуъ дар савти дигар)*

имити́ровать *несов.* 1. *кого-что* тақлид кардан, монанд карда нишон додан; **~ голоса́ живо́тных** ба овозҳои ҳайвонот тақлид кардан 2. *что* сохтакорӣ (қалбакӣ, талбис) кардан, сунъӣ сохтан; **~ мрамор** мармари сунъӣ сохтан 3. *муз.* имитация (такрор) кардан

имити́роваться *несов. страд.* тақлид карда шудан; сохтакорӣ карда шудан

имманент́ность *ж книжн.* сириштӣ (табиӣ, хос, дохилӣ) будан(и); **~ зако́нов фи́зики** табиӣ будани қонунҳои физика

имманентн||ый, -ая, -ое (имманент|ен, -на, -но) *книжн.* сириштӣ, табиӣ, ботинӣ, дохилӣ; **~ые причи́ны** сабабҳои дохилӣ; **по ~ым зако́нам** аз руи қонунҳои дохилӣ

иммельман *м ав.* иммельман *(яке аз намудҳои парвози моҳиронаи самолёт)*

иммигра́нт *м* муҳоҷир

иммигрантка *женск. к* **иммигра́нт**

иммигра́нтск||ий, -ая, -ое муҳоҷирӣ, ...и муҳоҷир; **~ие права́** ҳуқуқҳои муҳоҷир

иммиграционн||ый, -ая, -ое муҳоҷирӣ, ...и муҳоҷират; **~ые ограниче́ния** маҳдудиятҳои муҳоҷират

иммигра́ция *ж* 1. *(по знач. гл.* **иммигри́ровать)** муҳоҷират 2. *собир.* муҳоҷирон ◇ **~ капитала** *эк.* воридоти капитали хориҷӣ

иммигри́ровать *сов., несов.* муҳоҷират кардан

иммобилиза́ция *ж (по знач. гл.* **иммобилизова́ть)** *мед.* шикастабандӣ; **~ сло́манной ноги** шикастабандии пой

иммобилизова́ть *сов., несов. что мед.* шикастабандӣ кардан; **~ ра́неную ру́ку** дастро шикастабандӣ кардан

иммора́ли́зм *м книжн.* инкори ахлоқ, фосиқӣ, бадахлоқӣ

имморальный, -ая, -ое *книжн.* фосиқ, бадахлоқ; **~ челове́к** одами бадахлоқ

иммортéль *ж бот.* гули ҳамешабаҳор, тугмагул *(номи як қатор растаниҳои гулҳояшон пажмурданашаванда)*

иммуниза́ция *ж (по знач. гл.* **иммунизи́ровать** 1) иммунизация, сироятнопазир кардан(и)

иммунизи́ровать *сов., несов. кого-что* 1. *мед.* иммунизация (сироятнопазир) кардан 2. *юр.* масуният додан; **~ диплома́тических представи́телей** ба намояндагони давлатҳои хориҷӣ масуният додан

иммуните́т *м* 1. *мед., биол.* иммунитет, сироятнопазирӣ; **врождённый ~** сироятнопазирии аслӣ (модарзод); **приобретённый ~** сироятнопазирии ғайриаслӣ 2. *перен.* муқобилатнишондиҳӣ, мухолифат; **~ про́тив вре́дного влия́ния** мухолифат ба таъсири бад 3. *юр.* масуният; **дипломати́ческий ~** масунияти дипломатӣ

иммýн||ый, -ая, -ое (иммун|ен, -на, -но) *мед., биол.* ...и сироятнопазирӣ, сироятнопазир; **~ые сво́йства живо́тных** хосияти сироятнопазири ҳайвонот

иммуноло́гия *ж* иммунология *(илми оид ба сироятнопазирии одам ва ҳайвонот)*

иммунотерапи́я *ж мед.* иммунотерапия *(муолиҷаи касалиҳои сирояткунанда ба воситаи зардобҳои табобатӣ ва ё вакцинаҳо)*

императи́в *м* 1. *филос.* амр, талаби (тақозои) қатъӣ; **~ до́лга** амри виҷдон 2. *грам.* императив, сиғаи амр, феъли фармоиш

императи́вн||ый, -ая, -ое (императи́в|ен, -на, -но) *книжн.* қатъӣ, омирона; **говори́ть ~ым то́ном** бо оҳанги қатъӣ гап задан

импера́тор *м* император *(1. унвони баъзе подшоҳон 2. ист. дар Рими Қадим сардори олии лашкар, сипаҳсолор)*

импера́торский, -ая, -ое императорӣ, ...и император; **~ герб** тамғаи императорӣ

императри́ца *ж* 1. *(жена императора)* завҷаи император 2. *(монархиня)* малика

империа́л I *м (золотая монета)* империал *(пули тиллои русӣ, ки қимати он аз соли 1755 то 1896 10 сум, аз соли 1897 то 1917 15 сум буд)*

империа́л II *м уст.* империал *(нишастгоҳи баланд, мас. дар конка)*

империали́зм *м* империализм

империали́ст *м* империалист

империалисти́ческ||ий, -ая, -ое империалистӣ, ...и империализм; **~ая война́** ҷанги империалистӣ; **~ие стра́ны** мамлакатҳои империалистӣ; **~ая поли́тика** сиёсати империалистӣ

империали́стск||ий, -ая, -ое империалистӣ, ...и империализм, империалистона; **~ие устремле́ния** қасдҳои империалистӣ

импе́рия *ж* империя *(1. давлати монархистӣ 2. давлати империалистии мустамликадор)*

импе́рск||ий, -ая, -ое ...и империя; **~ая а́рмия** армияи империя

импоза́нтность *ж* салобатнокӣ, босавлатӣ, савлатдорӣ, бовиқорӣ; **~ фигу́ры** салобатнокии қаду комат

импоза́нтн||ый, -ая, -ое (импоза́нт|ен, -на, -но) салобатнок, босавлат, савлатдор, бовиқор; **~ая вне́шность** қиёфаи салобатнок

импони́рова||ть *несов. кому-чему и без доп.* таъсири хуб бахшидан, писанд омадан; **его́ зна́ния ~ли нам** донишҳои у ба мо писанд меомад; **~ть окружа́ющим** ба атрофиён писанд омадан

импони́рующий, -ая, -ое 1. *прич.* таъсирбахшанда, писандоянда 2. *прил.* хуш, форам, гуворо; **~ тон** оҳанги форам

и́мпорт *м* импорт, воридот; **~ обору́дования** воридоти таҷҳизот

импортёр *м* импортёр, воридгари мол; **государство-~** давлати воридгар

импорти́ровать *сов., несов. что* ворид (импорт) кардан; **~ пшени́цу** гандум ворид кардан

импорти́роваться *несов. страд.* ворид (импорт) карда шудан

и́мпортн||ый, -ая, -ое 1. ...и воридот, ...и импорт; **~ые опера́ции** амалиёти воридот 2. хориҷӣ, аз хориҷа овардашуда; **~ые тка́ни** матоъҳои хориҷӣ

импоте́нт *м мед.* ҳез, иннин

импоте́нтный, -ая, -ое *мед.* ...и ҳез, ...и иннин

импоте́нция *ж мед.* ҳезӣ, иннинат

импреса́рио *м нескл.* импрессарио *(соҳибкори тамошохонаҳо дар мамлакатҳои буржуазӣ)*

импрессиони́зм *м иск.* импрессионизм *(ҷараёне дар санъати рассомӣ, адабиёт, мусиқии охири асри 19 ва ибтидои асри 20, ки ба инъикоси нозуктарин эҳсоси субъективии эҷодкор, хурдтарин ҷузъиёти руҳия ва таассуроти у мекушид)*

импрессиони́ст *м* импрессионист, пайрави импрессионизм

импрессионисти́ческ||ий, -ая, -ое ...и импрессионизм, импрессионистӣ; **~ая жи́вопись** санъати рассомии импрессионистӣ

импрессиони́стск||ий, -ая, -ое импрессионистӣ, ...и импрессионизм; **~ая му́зыка** мусиқии импрессионистӣ (импрессионистона); **~ий теа́тр** театри импрессионистӣ

импровиза́тор *м* бадеҳагуй, бадеҳанавоз

импровиза́торск||ий, -ая, -ое ...и бадеҳагуӣ, ...и бадеҳанавоз; **~ие спосо́бности** қобилияти бадеҳагуӣ (бадеҳанавозӣ)

импровиза́торство *с* бадеҳагуӣ, бадеҳанавозӣ, бадеҳасозӣ

импровизацио́нный, -ая, -ое ...и бадеҳагуӣ, ...и бадеҳанавозӣ, ...и бадеҳасозӣ

импровизаци||я *ж* 1. *(по знач. гл.* **импровизи́ровать)** бадеҳагуӣ, бадеҳанавозӣ, бадеҳасозӣ; **стихотво́рная ~я**

бадеҳагӯӣ 2. (*художественное произведение*) бадеҳа; **выступа́ть с ~ей** бадеҳа гуфтан

импровизи́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич., прил.* бадеҳатан гуфташуда (навохташуда) 2. *прил. перен.* ногаҳонӣ (бе тайёрӣ) кардашуда; **~ая эстра́да** эстрадаи бе тайёрӣ ташкил додашуда

импровизи́ровать *что и без доп.* 1. *несов.* бадеҳатан гуфтан (навохтан); **~ на гита́ре** бадеҳатан гитара навохтан 2. *несов.* (*выдумывать, фантазировать*) аз худ бофта баровардан; **он забы́л текст и ему́ пришло́сь ~** у матнро фаромуш карда, маҷбуран аз худ мебофт 3. *сов. перен. разг.* (*устроить без подготовки*) ногаҳонӣ (бе тайёрӣ) сохтан (кардан)

импровизи́роваться *несов. страд.* бадеҳатан гуфта (навохта) шудан

и́мпульс *м* 1. шавқмандӣ, шавқ, майл; **~ к тво́рческому труду́** майли меҳнати эҷодӣ 2. *физ.* импульс (*миқдори ҳаракате, ки баробари ҳосили зарби массаи ҷисм ба суръати он мебошад*) ◇ **не́рвный ~** *физиол.* импульси асаб

импульси́вность *ж* 1. импульснок будан(и); **~ движе́ния** импульснок будани ҳаракат 2. ҳардамхаёлӣ; **~ нату́ры** ҳардамхаёлӣ

импульси́вн||ый, -ая, -ое (импульси́в|ен, -на, -но) 1. импульсӣ, беихтиёрона; **~ые движе́ния** ҳаракатҳои беихтиёрона 2. ҳардамхаёл; **~ый челове́к** одами ҳардамхаёл

и́мпульсн||ый, -ая, -ое *эл., радио* импульсӣ, импульснок; **~ые ла́мпочки** лампочкаҳои импульсӣ

и́мут: мёртвые сра́му не ~ *уст. высок.* мурдагонро ганда намекунанд, аз пушти мурда бад намегуянд

имуще́ственный, -ая, -ое молӣ, мулкӣ, ...и молу мулк, молумулкӣ; **причини́ть ~ уще́рб кому́-л.** ба молу мулки касе зарар расондан

иму́щество *с* 1. мол, мулк, молу мулк, амвол, боигарӣ, давлат; **госуда́рственное ~** мулки давлат; **колхо́зное ~** молу мулки колхоз; **дви́жимое ~** моли манқул; **недви́жимое ~** моли ғайриманқул 2. *разг.* чиз, асбобу анҷом

иму́щ||ий, -ая, -ее доро, давлатдор, бой, тавонгар; **~ие кла́ссы** синфҳои доро ◇ **власть ~ие** ҳукмдорон, ҳокимон

и́мя *с* 1. ном, исм; **его́ ~ Мирзо́** номи у Мирзост; **под чужи́м и́менем** бо номи шахси бегона 2. номдорӣ, шуҳрат; **завоева́ть себе́ ~** шуҳрат пайдо кардан; **учёный с мировы́м и́менем** олими дар ҷаҳон машҳур 3. ном; **бере́чь своё че́стное ~** номи неки худро эҳтиёт кардан; **потеря́ть до́брое ~** номи некро аз даст додан, бадном шудан 4. *грам.* исм, ном; **~ существи́тельное** исм; **~ прилага́тельное** сифат; **~ числи́тельное** шумора ◇ **и́мени** *кого-чего* ба номи.. ; **шко́ла и́мени М. Го́рького** мактаби ба номи М. Горький; **и́менем** *кого-чего* аз номи..., бо номи...; **и́менем зако́на** аз (бо) номи қонун; **во ~** *кого-чего высок.* ба хотири..., ба шарафи..., барои..., баҳри...; **во ~ справедли́вости** баҳри адолат; **на ~** *чьё* ба номи..., барои...; **от и́мени...** аз номи...; **с и́менем** номдор, машҳур, шуҳратманд; **называ́ть ве́щи свои́ми (со́бственными, настоя́щими) имена́ми** ҳаққи гапро гуфтан, шаф-шаф нагуфта шафтолу гуфтан; **соста́вить (сде́лать) себе́ ~** шуҳрат ёфтан, ном баровардан

имярёк *м* (*такой-то*) фалонӣ, фалон кас, касе

ин *частица обл.* майлаш, хуб, хайр; **ин быть по-тво́ему!** майлаш, хости ту шавад!

инакомы́слящий, -ая, -ее *прил. и в знач. сущ. м* дигарандеш

и́на́че *нареч.* 1. ба таври (ба тарзи) дигар, дигар хел; **сде́лать ~** дигар хел кардан; **он держа́лся ~, чем все** у нисбат ба ҳама дигар хел рафтор мекард; **всё вы́шло ~, чем он предполага́л** ҳама кор аз ғайри чашмдошти у анҷом ёфт; **~ говоря́** ба тарзи дигар гуем 2. *в знач. против. союза разг.* вагарна, ва илло, дар акси ҳол, набошад; **на́до спеши́ть, ~ опозда́ем на по́езд** шитоб кардан лозим, вагарна ба поезд дер мемонем ◇ **не ~** *прост.* албатта, бешубҳа; **не ~ он пришёл** албатта у омадааст; **так и́ли ~** *в знач. вводн. сл.* (*во всяком случае*) ба (дар) ҳар ҳол; **так и́ли ~, но я уе́ду за́втра** ба ҳар ҳол ман фардо меравам

инва́зия *ж мед., биол.* инвазия (*аз ҳайвоноти паразит ба воситаи сироят касал шудани одам, ҳайвонот ва растаниҳо*)

инвали́д *м* инвалид, маъюб, маслуқ; **~ войны́** инвалиди ҷанг; **~ труда́** инвалиди меҳнат

инвали́дност||ь *ж* инвалидӣ, маъюбӣ, қобилияти кор надоштан(и); **перейти́ на ~ь** ба инвалидӣ гузаштан; **посо́бие по ~и** нафақаи инвалидӣ

инвали́дн||ый, -ая, -ое ...и инвалидон, инвалидӣ; **~ая арте́ль** артели инвалидон

инвекти́ва *ж книжн.* (*резкое, оскорбительное выступление*) баромади оташинона (хашмгинона, ҳақоратомез)

инвентаризацио́нн||ый, -ая, -ое ...и инвентаризация; **~ая коми́ссия** комиссияи инвентаризация

инвентариза́ция *ж* 1. инвентаризация, руйхат кардан(и), баруйхатгирӣ; **~ но́вых книг** руйхат кардани китобҳои нав 2. инвентаризация, тафтишот; **~ сельскохозя́йственных ору́дий** тафтишоти асбобҳои хоҷагии қишлоқ

инвентаризи́ровать *сов., несов. см.* **инвентаризова́ть**

инвентаризова́ть *сов., несов. что* инвентаризация кардан, руйхат кардан, ба руйхат гирифтан; **~ склад** анборро инвентаризация кардан

инвента́рн||ый, -ая, -ое инвентарӣ, ...и инвентарь; **~ая кни́га** дафтари инвентарӣ; **~ый но́мер** рақами инвентарӣ

инвента́рь *м* 1. инвентарь (*ҷамъи асбобу анҷоми муассиса, идора ё хоҷагӣ*); **шко́льный ~** инвентари мактаб 2. (*опись, реестр*) руйхат; **занести́ в ~** ба руйхат даровардан ◇ **живо́й ~** мол, чорво; **мёртвый ~** асбобу анҷом

инверси́рованный, -ая, -ое *лингв., лит.* инверсияшуда, ҷойивазшуда; **~ оборо́т ре́чи** ибораи инверсияшуда

инве́рсия *ж лингв., лит.* инверсия, ивазшавии ҷои калима (*бо мақсади услубӣ ва суханпардозӣ*)

инверти́рование *с эл.* табдилдиҳӣ, бадалкунӣ

инве́ртор *м эл.* инвертор (*асбоби табдили ҷараёни доимӣ ба ҷараёни тағйирёбанда*)

инвести́рование *с* (*по знач. гл.* **инвести́ровать**) маблағгузорӣ, пулгузорӣ, бакораидозӣ; **~ капита́лов** ба коранд‌озии капитал

инвести́ровать *сов., несов. что эк.* гузоштан, ниҳодан, ба кор андохтан (*онд ба капитал*); **~ капита́лы** капиталро ба кор андохтан

инвестицио́нный, -ая, -ое *эк.* инвестиционӣ, ...и инвестиция; **~ акт** амалиёти инвестиционӣ

инвести́ция *ж см.* **инвести́рование**

инве́стор *м эк.* инвестор, капиталгузоранда, маблағгузоранда

ингаля́тор *м* 1. *мед.* ингалятор 2. *см.* **ингаляторий**

ингалято́рий *м мед.* ингаляторий (*ҷое, ки дар он ингаляция мекунанд*)

ингаляцио́нн||ый, -ая, -ое *мед.* ингаляционӣ; **~ые процеду́ры** муолиҷаи ингаляционӣ

ингаля́ция *ж мед.* ингаляция (*муолиҷаи роҳҳои нафас ба воситаи дорӣ ба газ ё буғ табдил додашуда*)

ингредие́нт *м книжн.* ингредиент, ҷузъ, ҳисса, қисм

ингу́ш *м* ингуш; *см.* **ингуши́**

ингуши́ *мн.* ингушҳо (*яке аз халқҳои Кавказ*)

ингу́шка *ж* ингушзан, ингушдухтар, зани (духтари) ингуш; *см.* **ингуши́**

ингу́шск||ий, -ая, -ое ...и ингушҳо; **~ие селе́ния** деҳоти ингушнишин

и́нда *обл.* 1. *союз подчинит.* ки..., чунон; **сиди́шь оди́н, ~ тоска́ берёт** танҳо нишаста чунон зиқ мешавӣ, ки... 2. *частица усил.* ҳатто; **он ~ задрожа́л от испу́га** у аз тарс ҳатто ларзид

и́ндеветь *несов.* (*покрываться инеем*) қирав (яхча) бастан

инде́ец *м* ҳиндуи Америка; *см.* **инде́йцы**

инде́йк||а *ж* мокиёни мурғи марҷон; **се́рая ~а** мурғи марҷоии хокистарранг; **зажа́рить ~у** мурғи марҷонро бирьён кардан

инде́йск||ий, -ая, -ое ...и ҳиндуёни Америка; **~ие племена́** қабилаҳои ҳиндуёни Америка ◇ **~ий пету́х** хурӯси мурғи марҷон

инде́йцы *мн.* ҳиндуёни [маҳаллии] Америка

и́ндекс *м* 1. индекс, руйхат, номгӯй;

~ **книг** индекси китобҳо 2. *эк.* индекс (*нишондиҳандаи ададӣ, ки тағьироти мунтазами ҳолати иқтисодиро бо фоиз ифода мекунад*); ~ **цен** индекси нархҳо; ~ **производительности труда** индекси ҳосилнокии меҳнат 3. *мат.* индекси (*нишондиҳандаи ададӣ ё худ ҳарфӣ, ки одатан дар зери ҳарфи масъалаи математикӣ ҷойгир мешавад, монанди* A_2, C_4) 4. (*условное обозначение*) индекс (*системаи аломати шартӣ — ҳарфӣ, рақамӣ ва ғ.— барои чизе*); **библиотечный** ~ индекси китобхона; **буквенный** ~ индекси ҳарфӣ; **почтовый** ~ индекси почта

индексный, -ая, -ое ...и индекс, индексӣ

индетерминизм *м филос.* индетерминизм (*таълимоти илмӣ, ки қонунияти умумӣ ва ба ҳамдигар алоқаманд будани сабабҳои ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро инкор мекунад*)

индетерминист *м филос.* индетерминист, пайрави индетерминизм

индетерминистическ||ий, -ая, -ое *филос.* индетерминистӣ, ...и индетерминизм; ~**ая философия** фалсафаи индетерминистӣ

индианка I *ж* ҳиндузани Америка, ҳиндудухтари Америка, зани (духтари) ҳиндуи Америка; *см.* **индейцы**

индианка II *ж* ҳиндузан, ҳиндудухтар, зани (духтари) ҳинду; *см.* **индийцы**

индивид *м см.* **индивидуум**

индивидуализация *ж* (*по знач. гл.* **индивидуализировать**) фардӣ кунондан(и)

индивидуализировать *сов., несов. кого-что* фардӣ кунондан; ~ **занятия с учащимися** хусусиятҳои ҳар талабаро ба назар гирифта машғулият гузарондан

индивидуализироваться *несов. страд.* фардӣ кунонда шудан

индивидуализм *м* индивидуализм (*принципи ахлоқии идеологияи буржуазӣ, ки манфиатҳои шахси алоҳидаро аз манфиати ҷамъият ва коллектив боло мегузорад*)

индивидуалист *м* индивидуалист, пайрави индивидуализм

индивидуалистка *женск. к* **индивидуалист**

индивидуалистическ||ий, -ая, -ое 1. индивидуалистӣ, ...и индивидуализм; ~**ие теории** назариyaҳои индивидуалистӣ 2. индивидуалистӣ, ...и индивидуалист, индивидуалистона; ~**ая психология** психологияи индивидуалистӣ; ~**ий подход** рафтори индивидуалистона

индивидуалистичн||ый, -ая, -ое (индивидуалистичн|ен, -на, -но) индивидуалистӣ, индивидуалистона

индивидуалистский, -ая, -ое индивидуалистӣ, ...и индивидуалист; ~ **поступок** кирдори индивидуалистӣ

индивидуально *нареч.* ҷудогона, алоҳида

индивидуальность *ж* 1. индивидуалӣ будан(и), фардият; ~ **стиля писателя** фардияти услуби нависанда 2. шахсият, шахс, симо; **яркая** ~ симои барҷаста

индивидуальн||ый, -ая, -ое (индивидуа|лен, -льна, -льно) 1. индивидуалӣ, шахсӣ, фардӣ; ~**ые особенности** хусусиятҳои индивидуалӣ 2. шахсӣ; ~**ое хозяйство** хоҷагии шахсӣ; ~**ое полотенце** сачоқи шахсӣ 3. (*не коллективный*) шахсӣ, хусусӣ; ~**ое жилищное строительство** сохтмони биноҳои хусусӣ 4. индивидуалӣ, шахсӣ; ~**ый метод обучения** усули индивидуалии таълим; ~**ый подход** рафтори индивидуалӣ 5. ҷудогона, алоҳида; ~**ый случай** воқеаи ҷудогона ◇ ~**ый [перевязочный] пакет** пакети шахсии ҷароҳатбандӣ

индивидуум *м книжн.* 1. индивидуум (*зоти мустақил, организми ҷудогонаи ҳайвонот ё наботот*); **растительные** ~**ы** индивидуумҳои растанӣ 2. шахс, одам, фард; **отдельные** ~**ы** шахсони ҷудогона

индиго *с нескл.* нил

индигов||ый, -ая, -ое 1. нилӣ, ...и нил; ~**ое производство** истеҳсоли нил 2. (*тёмно-синий*) нилӣ, нилобӣ, нилгун

индиец *м* ҳинду; *см.* **индийцы**

индий *м хим.* индий (*элементи химиявӣ, металл*)

индийск||ий, -ая, -ое ҳиндӣ, ...и Ҳиндустон; ~**ие песни** сурудҳои ҳиндӣ; ~**ий костюм** либоси ҳиндӣ

индийцы *мн.* ҳиндуҳо, аҳолии Ҳиндустон

индикатор *м* 1. *тех.* индикатор (*номи як қатор асбобҳои ченаки бузургиҳои физикӣ*); ~ **нагрузки** индикатори шиддат 2. *хим.* индикатор (*моддае, ки барои фаҳмидани процесси химиявӣ ба маҳлул ҳамроҳ мекунанд*); ~ **кислот** индикатори кислотаҳо

индикаторн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и индикатор; ~**ая лампа** лампаи индикатор

индикт *м* индикт (*воҳиди солшуморӣ дар калисои қадим, ки ба понздаҳ сол баробар аст, давраи понздаҳсола*)

индифферентизм *м книжн. см.* **индифферентность**

индифферентность *ж* бепарвоӣ, беилтифотӣ, бедиққатӣ, беэътиноӣ; **проявлять** ~ бепарвоӣ кардан

индифферентн||ый, -ая, -ое (индифферент|ен, -на, -но) 1. бепарво, беилтифот, бедиққат, беэътино(ёна); ~**ый человек** одами бепарво; ~**ое поведение** рафтори беэътиноёна 2. *уст.* (*не представляющий интереса*) беаҳамият

индоевропеистика *ж лингв.* ҳиндуевропошиносӣ

индоевропейск||ий, -ая, -ое ҳиндуевропоӣ; ~**ие языки** забонҳои ҳиндуевропоӣ

индокитайский, -ая, -ое ҳиндухитоӣ, ...и ҳиндухитоӣ

индолог *м* ҳиндшинос

индология *ж* ҳиндшиносӣ

индонезиец *м* индонезӣ, индонезиягӣ; *см.* **индонезийцы**

индонезийка *ж* индонезизан, индонезиядухтар, зани (духтари) индонезӣ; *см.* **индонезийцы**

индонезийск||ий, -ая, -ое индонезӣ, ...и индонезиҳо, индонезиягӣ, ...и Индонезия; ~**ое селение** деҳаи индонезиҳо; ~**ое искусство** санъати индонезӣ

индонезийцы *мн.* индонезиҳо, индонезиягиҳо, аҳолии Индонезия

индуизм *м* ҳиндуия (*мазҳаби ҳукмрон дар Ҳиндустон, ки ба браҳманизм ва буддизм асос ёфтааст*)

индуктивность *ж* 1. *лог.* индуктивнокӣ, индуктивӣ будан(и); ~ **доказательств** индуктивнокии далелҳо 2. *физ.* индуктивият; ~ **магнитного поля** индуктивияти майдони магнитӣ

индуктивный, -ая, -ое *в разн. знач.* индуктивӣ, ...и индукция; ~ **метод** усули индуктивӣ; ~ **ток** токи индуктивӣ

индуктор *м физ., эл.* индуктор (1. *асбоб барои ҳосил кардани токи тағьирёбанда* 2. *магнити мошини динамо, ки майдони магнитӣ ба вуҷуд оварда, токи индукционӣ ҳосил мекунад*)

индукторн||ый, -ая, -ое *физ., эл.* индукторӣ, ...и индуктор; ~**ая катушка** ғалтаки индукторӣ

индукционный, -ая, -ое *физ., эл.* индукционӣ, ...и индукция; ~ **ток** токи индукционӣ

индукция *ж* индукция (1. *лог. тарзи фикрронӣ аз ҷузъ ба кулл* 2. *физ., эл. ба ҳаракатоварии ток дар ноқил ҳангоме, ки токро ба майдони магнитӣ наздик мекунанд* 3. *физиол. таъсири мутақобилаи байни вазъи ҳаяҷоннокӣ ва оромӣ дар системаи асаб, ки пайдоиши як процесс ба тараққии процесси дигар сабаб мешавад*)

индульгенция *ж* индульгенция (*хати кафорати гуноҳ, ки аз тарафи папа барои хизматҳои калон дар роҳи калисо ё худ бештар ба бадали пул дода мешавад*)

индус *м* 1. *уст. см.* **индиец**; 2. пайрави индуизм

индуска *ж* 1. *уст. см.* **индианка** II; 2. пайрави индуизм

индусский, -ая, -ое ...и ҳинду, ...и ҳиндуён

индустриализация *ж* индустриализация, саноатикунонӣ; ~ **страны** индустриализацияи мамлакат; **социалистическая** ~ **сельского хозяйства** саноатикунонии социалистии хоҷагии қишлоқ

индустриализировать *сов., несов. что* индустриализация кардан, саноатӣ кунондан; ~ **сельское хозяйство** хоҷагии қишлоқро саноатӣ кунондан

индустриализироваться *несов. страд.* индустриализация карда шудан, саноатӣ кунонда шудан

индустриальн||ый, -ая, -ое индустриявӣ, саноатӣ; ~**ая страна** мамлакати саноатӣ; ~**ый центр** маркази саноатӣ

индустрия *ж* индустрия, саноат; **тяжёлая** ~ саноати вазнин; **лёгкая** ~ саноати сабук

индусы *мн.* 1. *уст. см* **индийцы;** 2. пайравони индуизм

индюк *м* хуруси мурғи марҷон

индюшатина *ж* гушти мурғи марҷон

индюшач||ий, индюшеч||ий, -ья, -ье ...и мурғи марҷон; **~ье стадо** селаи мурғи марҷон

индюшка *ж разг.* мокиёни мурғи марҷон

индюшонок *м разг.* чӯҷаи мурғи марҷон

ине||й *м* қирав; **деревья покрыты ~ем** дарахтонро қирав пушидааст

инертность *ж* беҳаракатӣ, сустӣ, беташаббусӣ; **~ натуры** сустии табиат

инертн||ый, -ая, -ое (инерт|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф. физ.* инерциядор, инерциянок 2. беҳаракат, суст, бефаъолият, беташаббус; **~ый человек** одами суст ◊ **~ые газы** *хим.* газҳои инертӣ (*мас. аргон, гелий*); **~ые материалы** *тех.* масолеҳи бинокорӣ (*рег, шағал, сангреза ва ғ.*)

инерционн||ый, -ая, -ое *физ.* инерционӣ; **~ое движение** ҳаракати инерционӣ

инерци||я *ж* 1. *физ.* инерция (*қобилияти нигоҳдории ҳолати пештараи ҷисм*); **поезд двигался по ~и** поезд бо инерция ҳаракат мекард 2. *перен.* беҳаракатӣ, сустӣ, бефаъолиятӣ, беташаббусӣ; **умственная ~я** беамалии зеҳн ◊ **по ~и** аз руи одат, беихтиёрона

инжектор *м тех.* инжектор (*насосе, ки бо қувваи буғ обро кашида ба деги бухор мерезад*)

инженер *м* инженер, муҳандис; **~-машиностроитель** инженери мошинсоз; **~-механик** инженери механик; **горный ~** инженери кӯҳкорӣ; **~-конструктор** инженери конструктор; **~-проектировщик** инженери лоиҳакаш

инженерно-строительн||ый, -ая, -ое: **~ые работы** корҳои инженерӣ

инженерно-техническ||ий, -ая, -ое инженерии техникӣ; **~ая интеллигенция** зиёиёни инженерӣ-техникӣ

инженерн||ый, -ая, -ое инженерӣ, муҳандисӣ; **~ые войска** қушунҳои инженерӣ; **~ое дело** корҳои инженерӣ; **~ая должность** вазифаи (мартабаи) инженер; **~ое оборудование** таҷҳизоти инженерӣ; **~ые сооружения** иншооти инженерӣ

инженерский, -ая, -ое инженерӣ, ...и инженер, муҳандисӣ, ...и муҳандис

инженерство *с* 1. инженерӣ, муҳандисӣ, касби инженерӣ 2. *собир.* инженерон, муҳандисон

инженю *ж нескл. уст. театр.* инженю (*роли духтараки соддадил; актрисаи бозикунандаи ин гуна роль*)

инжир *м* (*дерево*) дарахти анҷир, анҷир; (*плод*) анҷир

инжирн||ый, -ая, -ое анҷирӣ, ...и анҷир; **~ое варенье** мураббои анҷир

инист||ый, -ая, -ое қираволуд, қиравдор, қиравпуш; **~ая трава** алафи қиравпуш

инициалы *мн.* (*ед.* **инициал** *м*) инициалҳо (1. *сарҳарфҳои исми хос* 2. *полигр. ҳарфҳои калон ва рангаи сарлавҳагӣ, ки дар аввали китоб, боб ва сарсатр гузошта мешаванд*)

инициатив||а *ж в разг. знач.* ташаббус, ташаббускорӣ; **~а издания журнала** ташаббуси нашри журнал; **мирные ~ы** ташаббуси сулҳҷӯёна; **по ~е** бо ташаббуси...; **взять ~у в свои руки** ташаббусро ба дасти худ гирифтан; **проявить ~у** ташаббус нишон додан ◊ **законодательная ~а** ҳуқуқи пешниҳоди лоиҳаи қонун

инициативность *ж* ташаббускорӣ, ташаббускор будан(и)

инициативн||ый, -ая, -ое (инициатив|ен, -на, -но) 1. ташаббускор; **~ый инженер** инженери ташаббускор 2. ташаббусталаб; **~ые действия** амалиёти ташаббусталаб

инициатор *м* ташаббускор; **~ы создания бригад коммунистического труда** ташаббускорони ташкили бригадаҳои меҳнати коммунистӣ

инициаторство *с* ташаббускорӣ

инкассатор *м* инкассатор; **банковский ~** инкассатори банк (*хизматчие, ки пулҳои савдои дӯкону магазинҳоро ғун карда ба муассисаҳои банки давлатии СССР месупорад*)

инкассаторский, -ая, -ое ...и инкассатор, инкассатори

инкассация *ж см.* **инкассирование**

инкассирование *с* (*по знач. гл.* **инкассировать**) инкассация кардан(и)

инкассировать *сов., несов. что фин.* инкассация кардан

инкассо *с нескл. фин.* инкассо (*гирифтани пул аз руи ҳуҷҷат*)

ин-кварто *нареч. полигр.* ин-кварто, чорьякӣ (*чорьяки коғази нашрӣ — оид ба ҳаҷми китоб ва ғ.*)

инквизитор *м* 1. *ист.* инквизитор 2. *перен.* золим, бераҳм, ситамгар

инквизиторский, -ая, -ое 1. *ист.* инквизиторӣ, ...и инквизитор; **~ допрос** истинтоқи (пурсиши) инквизиторӣ 2. *перен.* шубҳаомез; **~ взгляд** нигоҳи шубҳаомез 3. *перен.* (*беспощадно-жестокий*) бераҳм(она), золим(она), ваҳшиёна

инквизиторство *с* бераҳмӣ, золимӣ, ситамгарӣ

инквизиционн||ый, -ая, -ое 1. *ист.* инквизиционӣ, ..и инквизиция; **~ый суд** суди инквизиция 2. *перен.* бераҳм(она), золим(она); **~ые приёмы** усулҳои бераҳмона

инквизиция *ж* 1. *ист.* инквизиция (*ташкилоти судии тафтишотии калисои католики, ки дар асри 13 ташкил ёфта буд*) 2. *перен. книжн.* шиканҷа, азоб, зулм

инки *мн.* инка (*қавми қадимии санъатиаи баланд, ки асосан дар хоки Перу ва Боливия зиндагӣ мекард*)

инкогнито 1. *нареч.* пинҳонӣ, ба таври пинҳонӣ, бо номи сохта; **путешествовать ~** пинҳонӣ сафар кардан 2. *в знач. сущ. с нескл.* номи орияти (мустаор); **раскрыть своё ~** номи ҳақиқии худро ошкор кардан 3. *в знач. сущ. м, с нескл.* шахси номаълум; **кто этот ~?** ин шахси номаълум кист?

инкорпорация *ж* 1. *книжн.* (*включение, присоединение*) инкорпорация, дохил (ҳамроҳ) кардан(и) 2. *юр.* инкорпорация (*гирд овардани қонунҳои ҷорӣ бе ҳеҷ гуна тағйирот*) 3. *лингв.* инкорпорация (*тарзи ифодаи алоқаи синтаксисӣ*)

инкорпорировать *сов., несов. что книжн.* инкорпорация кардан

инкорпорироваться *несов. страд.* инкорпорация карда шудан

инкриминирование *с* (*по знач. гл.* **инкриминировать**) айбдор (гунаҳгор) кардан(и)

инкриминирова||ть *сов., несов. что кому-чему* айбдор (гунаҳгор) кардан, айб мондан; **ему ~ли клевету** уро ба суханчинӣ айбдор карданд

инкриминироваться *несов. страд.* айбдор карда шудан, айб монда шудан

инкрустаци||я *ж* 1. *см.* **инкрустирование;** 2. хотамкорӣ, мукаллал; **~я из кости** хотамкорӣ аз устухон; **рамка с ~ей** чорчубаи мукаллал

инкрустирование *с* (*по знач. гл.* **инкрустировать**) хотамкорӣ (мукаллал) кардан(и)

инкрустированный, -ая, -ое 1. *прич.* хотамкорӣ (мукаллал) кардашуда 2. *прил.* хотамкорӣ, мукаллал; **~ столик** мизчаи хотамкорӣ

инкрустировать *сов., несов. что* хотамкори (мукаллал) кардан; **~ бронзой** аз биринҷӣ хотамкорӣ кардан

инкубатор *м* инкубатор (*аппарати чуҷабарори сунъӣ*)

инкубаторий *м* инкубаторий (*бинои чуҷабарорӣ*)

инкубаторн||ый, -ая, -ое 1. инкубаторӣ, ...и инкубатор; **~ое оборудование** таҷҳизоти инкубатор 2. инкубационӣ, ...и инкубация, ...и чуҷабарорӣ; **~ая станция** станцияи инкубационӣ 3. ...и инкубатор, инкубаторӣ; **~ые цыплята** чуҷаҳои инкубатор

инкубационный, -ая, -ое 1. *мед.* инкубационӣ, ноаён, пинҳонӣ; **~ период** давраи инкубационӣ 2. инкубационӣ, ...и инкубация, ...и чуҷабарорӣ; **~ аппарат** аппарати инкубациони

инкубация *ж* 1. *мед.* инкубация (*давраи ноаёни касалӣ*) 2. инкубация, чуҷабарории сунъӣ

инкубирование *с* (*по знач. гл.* **инкубировать**) инкубация кардан(и), чуҷабарории сунъӣ

инкубировать *сов., несов. кого с.-х.* инкубация кардан, сунъӣ чуҷа баровардан

инкубироваться *несов. страд.* инкубация карда шудан

инкунабулы *мн.* (*ед.* **инкунабула** *ж*) инкунабулаҳо (*китобҳои аввалин, ки дар ибтидои китоббарорӣ то соли 1501 бо ҳарфчинӣ бароварда мешуданд*)

ино: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дигар», «бегона»:* **иногородний** ...и шаҳри дигар

инобытие *с филос.* ҳастии дигар

иноверец *м уст.* пайрави дини дигар

иновéрие *с уст.* пайравӣ ба дини дигар

иновéрка *женск. к* **иновéрец**

иновéрный, -ая, -ое *уст.* 1. ...и дини бегона 2. *в знач. сущ.* **иновéрный** *м*, **иновéрная** *ж* пайрави дини дигар

иногдá *нареч.* баъзан, гоҳо, гоҳ-гоҳ; ~ **перепадáли дождú** баъзан борон меборид; ~ **он мне пúшет** у гоҳ-гоҳ ба ман мактуб менависад; ~ **он опáздывает** баъзан у дер мемонад; ~ **не знáешь, что и отвéтить** гоҳо чӣ ҷавоб доданашро ҳам кас намедонад

иногорóдн||ий, -яя, -ее 1. ...и шаҳри дигар; ~**ие жúтели** сокинони шаҳрҳои дигар; ~**яя корреспондéнция** мукотибот бо шаҳрҳои дигар 2. *в знач. сущ.* **иногорóдний** *м уст.* бегона *(дар вилоятҳои казакҳои Россияи тореволюционӣ, агар деҳқоне аз табақаи онҳо набошад, «бегона» мегуфтанд)*

инозéмец *м уст.* хориҷӣ, аҷнабӣ

инозéмн||ый, -ая, -ое *уст. и высок.* хориҷӣ, аҷнабӣ; ~**ые обы́чаи** одатҳои аҷнабӣ

инóй, -áя, -óе 1. дигар; **э́то совсéм ~ слу́чай** ин тамоман ҳодисаи дигар аст; **быть инóго мнéния** фикри дигар доштан 2. баъзе; **в ины́х слу́чаях слéдует дéйствовать решúтельнее** дар баъзе мавридҳо қатъитар амал кардан лозим аст; **иные я́блони цвету́т, иные — нет** баъзе дарахтҳои себ гул мекунанду баъзеашон не // *в знач. сущ.* **инóй** *м*, **инáя** *ж* баъзе, яке, дигар, касе; **иные ду́мают, что э́то óчень прóсто** баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин бисьёр осон аст ◇ **инóе дéло** гапи дигар аст; ~ **раз** баъзан, дар баъзе мавридҳо, гоҳе; **ины́ми словáми** *в знач. вводн. сл.* ба ибораи (ба таъбири) дигар, дигар хел карда гуем; **не кто ~, как ..., не что инóе, как...** айнан..., худи худаш...; **тот и́ли ~** ин ё он

и́нок *м уст. (монах)* роҳиб

и́нокиня *ж уст. (монахиня)* роҳиба

ин-октáво *нареч. полигр.* ин-октаво, ҳаштьякӣ *(ҳаштьяки коғази нашрӣ — оид ба ҳаҷми китоб ва ғ.)*

иномы́слие *с уст.* дигар хел фикронӣ (фикркунӣ), фикрронии дигар, дигарандешӣ

инонационáльн||ый, -ая, -ое ...и миллатҳои бегона; ~**ые óбласти** вилоятҳои миллатҳои бегона

инопланéтный, -ая, -ое ...и ситораи бегона

инопланетя́не *мн. (ед.* **инопланетя́нин** *м)* аҳли ситораи бегона

иноплемéнник *м уст.* аҳли қабилаи (халқи) бегона

иноплемéнн||ый, -ая, -ое *уст.* ...и қабилаи (халқи) дигар; ~**ое населéние** аҳолии қабилаи (халқи) дигар

инорóдец *м уст.* ғайр, одами ғайр *(дар Россияи тореволюционӣ номи расмии халқҳои ғайрирус, одатан халқҳои гӯшаву канораҳои шарқӣ)*

инорóдн||ый, -ая, -ое бегона, дигар, ғайр; ~**ые явлéния** ҳодисаҳои ғайр; ~**ое тéло** 1) *мед.* ҷисми бегона *(предмете, ки ба организм даромада, дар бофтаҳо, узвҳо ва холигиҳои бадан ҷойгир мешавад, монанди: тир, хор ва ғ.)* 2) *перен.* бегона, ҷисми (чизи) бегона

инорóдческ||ий, -ая, -ое *уст.* ғайрҷинс, бегонаҷинс; ~**ое населéние** аҳолии бегонаҷинс

иносказáние *с* рамз, киноя, истиора

иносказáтельность *ж* рамзӣ (киноя, истиорагӣ, маҷозӣ) будан(и); ~ **выражéния** рамзӣ будани ибора

иносказáтельн||ый, -ая, -ое (иносказáте|лен, -льна, -льно) рамзнок, киноявӣ, киноядор, боистиора, маҷозӣ; ~**ое выражéние** ибораи киноядор

инострáнец *м* хориҷӣ, аҷнабӣ

инострáнка *женск. к* **инострáнец**

инострáнн||ый, -ая, -ое 1. хориҷӣ, аҷнабӣ; ~**ое правúтельство** ҳукумати хориҷӣ; ~**ая валю́та** пули (валютаи) хориҷӣ; ~**ые языкú** забонҳои хориҷӣ 2. *(внешнеполитический)* хориҷӣ; **Минúстерство ~ых дел** Вазорати корҳои хориҷӣ

инострáнщина *ж разг.* хориҷапарастӣ

инохóд||ец *м* аспи йурға; **оседлáть ~ца** аспи йурғаро зин кардан

и́ноходь *ж* йурға

и́ноческий, -ая, -ое *уст. (монашеский)* роҳибӣ, ...и роҳиб

и́ночество *с уст. (монашество)* роҳибӣ

иноязы́чн||ый, -ая, -ое ғайрзабон, бегоназабон, ...и забони (забонаш) дигар; ~**ая литерату́ра** адабиёти ғайрзабон; ~**ый оборóт рéчи** ибораи хоси забони дигар

инсáйд *м спорт.* инсайд *(ҳуҷумкунандаи радаи миёнаи бозингарон дар командаи футбол ё хоккей)*

инсектицúды *мн. (ед.* **инсектицúд** *м)* инсектицидҳо *(моддаҳои химиявӣ, заҳрҳои зидди ҳашароти зараррасон)*

инсинуáтор *м книжн.* суханчин, тухматгар

инсинуáци||я *ж книжн.* тухмат, бухтон, суханчинӣ, ифтиро; ~**и буржуáзных газéт** бухтонҳои газетаҳои буржуазӣ

инсинуúровать *сов., несов. книжн.* тӯҳмат (бухтон) кардан

инсоля́ция *ж физ.* инсоляция, нурпошӣ, нурафканӣ *(равшан шудани сатҳи замин аз нури офтоб)*

инспектúрование *с (по знач. гл.* **инспектúровать)** инспекция (тафтиш, назорат) кардан(и)

инспектúровать *сов., несов. кого-что* инспекция (тафтиш, назорат) кардан; ~ **шкóлы** мактабҳоро тафтиш кардан

инспектúроваться *несов. страд.* инспекция (тафтиш, назорат) карда шудан

инспéктор *м* 1. инспектор, нозир, назоратчӣ; **санитáрный ~** инспектори (назоратчии) молия 2. *уст.* инспектор *(педагог — ёвар, ёрдамчии директор дар корҳои таълиму тарбияи мактабҳои мардонаи Россияи тореволюционӣ)*; ~ **гимнáзии** инспектори гимназия

инспéкторск||ий, -ая, -ое инспекторӣ, ...и назоратчӣ; ~**ая дóлжность** вазифаи инспекторӣ; ~**ий смотр** азназаргузаронии инспекторӣ

инспéкторство *с разг.* вазифаи инспектор (нозир)

инспекциóнн||ый, -ая, -ое инспекционӣ, тафтишотӣ, назоратӣ; ~**ая поéздка** сафари инспекционӣ

инспéкция *ж* 1. *см.* **инспектúрование**; 2. инспекция, идораи тафтишот (назорат); **санитáрная ~** инспекцияи санитарӣ; **автомобúльная ~** инспекцияи автомобилӣ; **рабóче-крестья́нская ~** *ист.* инспекцияи коргару деҳқон; ~ **трудá** инспекцияи меҳнат; ~ **по кáчеству** инспекцияи сифати маҳсулот

инспирáтор *м книжн.* илқокунанда, талқингар, талқинкунанда; иғвогар

инспирáция *ж см.* **инспирúрование**

инспирúрование *с (по знач. гл.* **инспирúровать)** илқо (талқин) кардан(и); иғво кардан(и)

инспирúровать *сов., несов.* 1. *кого-что* илқо (талқин) кардан; ~ **общéственное мнéние** афкори ҷамъиятро илқо кардан 2. *что* иғво додан; ~ **мятéж** исьён бархезондан; ~ **лóжные слу́хи** бо иғво овозаҳои бардуруғ паҳн кардан

инспирúроваться *несов. страд.* илқо (талқин) карда шудан; иғво карда шудан

инстáнци||я *ж* инстанция, дараҷа, мақом, поя *(дар идораҳои судӣ ё маъмурӣ)*; **вы́сшая ~я** инстанцияи олӣ; **дéло слу́шается во вторóй ~и** кор дар инстанцияи дуюм дида мешавад

инстúнкт *м* 1. *биол.* инстинкт, ғариза, савқи табиӣ; ~ **самосохранéния** савқи табиии муҳофизати худ 2. инстинкт, майли табиӣ; хислат, одат; **побороть дурные ~ы** одатҳои бадро барҳам додан 3. *перен.* гувоҳии дил, ҳис; ~ **подсказáл емý, что грози́т опáсность** дилаш гувоҳӣ дод, ки хатаре ҳаст; ~ **следопы́та** ҳисси пайшиносӣ

инстинктúвно *нареч.* бешуурона, беихтиёрона

инстинктúвн||ый, -ая, -ое (инстинктúв|ен, -на, -но) 1. *биол.* инстинктӣ, ...и савқи табиӣ; ~**ые повáдки живóтных** одатҳои инстинктии ҳайвонот 2. бешуурона, беихтиёрона; ~**ое движéние** ҳаракати беихтиёрона; ~**ое чу́вство** ҳисси бешуурона

институ́т *м* 1. институт; **политехнúческий ~** институти политехникӣ; **нау́чно-исследовáтельский ~** институти тадқиқоти илмӣ 2. *уст.* институт *(донишкадаи имтиёзнок дар Россияи тореволюционӣ)*; ~ **благорóдных дéвиц** институти духтарони аъёну ашроф 3. *юр.* институт, қонуну қоидаҳо *(маҷмуи нормаҳои ҳуқуқ дар ягон соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ)*; ~ **брáка** қоидаҳои никоҳ

институ́тка *ж уст.* 1. институтка *(толибаи институти занона дар Россияи тореволюционӣ)* 2. *разг.* одами соддалавҳ (соддадил); одами бетаҷриба

институ́тск||ий, -ая, -ое 1. ...и инсти-

тут, институти; ~ая профессу́ра профессорони институт 2. *уст. разг.* соддалавҳ(она); бетаҷриба, ноуҳдабаро(ёна); ~ие манеры шиштухези соддалавҳона

инструктаж *м разг.* 1. *см.* **инструкти́рование;** 2. инструктаж, дастуруламал, дастур; **получи́ть** ~ дастуруламал гирифтан; **дать** ~ дастур додан

инструкти́вный, -ая, -ое инструктиви, дастуруламалӣ; ~ **доклад** маърузан дастуруламалӣ

инструкти́рование *с* (*по знач. гл.* **инструкти́ровать**) инструкция додан(и), дастурдиҳӣ, дастуруламалдиҳӣ; ~ **агита́торов** дастуруламалдиҳӣ ба агитаторон

инструкти́ровать *сов., несов. кого* инструкция (дастур, дастуруламал) додан; ~ **уполномо́ченных** ба намояндагон дастуруламал додан

инструкти́роваться *несов. страд* инструкция (дастур, дастуруламал) дода шудан

инстру́ктор *м* 1. инструктор, дастурдиҳанда; ~ **райко́ма** инструктори райком 2. инструктор, усто

инстру́кторск||ий, -ая, -ое инструктори, ...и инструктор; ~**ие ку́рсы** курси инструкторон

инструкцио́нный, -ая, -ое ...и инструкция, инструкциягӣ, дастурӣ, дастуруламалӣ

инстру́кци||я *ж* инструкция, дастур, дастуруламал; ~**я по те́хнике безопа́сности** дастуруламали техникаи бехатарӣ; **получи́ть** ~**ю** дастур гирифтан; **дать** ~**ю** дастур додан

инструме́нт *м* 1. асбоб, олат, анҷом, афзол; **слеса́рные** ~**ы** асбобҳои челонгарӣ; **измери́тельные** ~**ы** асбобҳои ченкунӣ 2. *собир* асбобу анҷом; **хирурги́ческий** ~ асбобу анҷоми ҷарроҳӣ; **набо́р тока́рного** ~**а** асбобу анҷоми харротӣ 3. *перен.* восита, асбоб, олат; **нау́ка** — ~ **позна́ния** илм воситаи маърифат аст 4. *муз.* асбоб, соз, асбоби мусиқӣ; **стру́нные** ~**ы** асбобҳои торӣ; **музыка́льный** ~ асбоби мусиқӣ

инструментали́ст *м* (*музыкант*) созанда, машшоқ

инструмента́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и асбобу анҷом; ~**ая кладова́я** хонаи (анбори) асбобу анҷом 2. (*для выделки инструментов*) ...и олат, олатбоб; ~**ая сталь** пулоди олатбоб 3. *в знач. сущ.* **инструмента́льная** *ж* (*склад*) анбори асбобу анҷом; (*мастерская*) корхонаи асбобу анҷом 4. *муз.* инструменталӣ (*бо соз навохташаванда*); ~**ая му́зыка** мусиқии инструменталӣ

инструмента́льщик *м* устои асбобсоз; **сле́сарь-**~ челонгари асбобсоз

инструмента́рий *м тех.* асбобу анҷом; ~ **радиома́стера** асбобу анҷоми устои радио

инструментова́ть *сов., несов. что* 1. *муз.* савтсозӣ кардан (*ба оркестр мувофиқ кунонидани асари мусиқӣ*); ~ **кварте́т** квартетро инструментовка кардан 2. *лит.* хушоҳанг (оҳангдор) кардан (*осори шеърӣро*)

инструменто́вк||а *ж* 1. *муз.* инструментовка (*мувофиқ кардани асари мусиқӣ барои оркестр*); ~ **рома́нса Чайко́вского** инструментовкаи романси Чайковский 2. *муз.* инструментовка (*фасле аз назарияи мусиқӣ*); **курс** ~**и** курси инструментовка 3. *лит.* хушоҳангӣ, оҳангнокӣ (*осори шеърӣ*)

инсули́н *м физиол., мед.* инсулин, оби ғадуди зери меъда

инсу́льт *м мед.* инсульт, сактаи майна

инсурге́нт *м уст.* (*повстанец*) исьёнгар, шуришгар; **отря́д** ~**ов** дастаи исьёнгарон

инсцени́ровать *сов., несов. что* 1. инсценировка кардан, саҳнабоб кардан (*асари бадеиро барои намоиши театр ё кино мувофиқ кунонидан*); ~ **рома́н для экра́на** романро барои экран инсценировка кардан 2. *перен.* ба тарзи сохта коре кардан; вонамуд кардан; ~ **самоуби́йство** худкушӣ вонамуд кардан

инсцениро́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **инсцени́ровать**) саҳнабоб кардан(и); вонамуд кардан(и); ~ **произведе́ния Айни́** саҳнабоб кардани асари Айнӣ; ~ **ограбле́ния** вонамуди дуздӣ 2. (*инсценированное произведение*) инсценировка, асари саҳнабоб кардашуда

интегра́л *м мат.* интеграл

интегра́льн||ый, -ая, -ое *мат.* интегралӣ, ...и интеграл; ~**ое исчисле́ние** ҳисоби интегралӣ; ~**ые уравне́ния** муодилаҳои интегралӣ

интегра́тор *м* интегратор (*асбоби ҳисоббарории механикӣ*)

интегра́ция *ж* интеграция (якҷоя) кардан(и); **произво́дственная** ~ интеграцияи истеҳсолот; ~ **нау́ки с произво́дством** якҷоя кардани илм бо истеҳсолот

интегри́рование *с* (*по знач. гл.* **интегри́ровать**) интеграл ёфтан(и); интеграция (якҷоя) кардан(и)

интегри́ровать *сов., несов. что* 1. *мат.* интеграл ёфтан 2. *книжн.* (*объединить в одно целое*) интеграция (якҷоя) кардан

интелле́кт *м* ақл, зеҳн, хирад, ҳуш; **бе́дный** ~ ақли ноқис; **бога́тый** ~ ақли расо

интеллектуа́л *м* одами баландмаърифат

интеллектуа́льн||ый, -ая, -ое (интеллектуа́|лен, -льна, -льно) ақлӣ, маънавӣ, зеҳнӣ, фикрӣ; ~**ые спосо́бности** қобилияти фикрӣ; ~**ые осо́бенности** хусусиятҳои зеҳнӣ

интеллиге́нт *м* интеллигент, зиёӣ

интеллиге́нтка *женск. к* **интеллиге́нт**

интеллиге́нтность *ж* интеллигенти, маданӣ (интеллигентона) будан(и), бомаърифатӣ, маърифатнокӣ; **высо́кая** ~ камоли маърифат

интеллиге́нтный, -ая, -ое (интеллиге́нт|ен, -на, -но) 1. интеллигенти, маданӣ, хондагӣ, боилм, босавод, бомаърифат; ~ **челове́к** одами бомаърифат 2. (*свойственный интеллигенту, интеллигенции*) интеллигентона, зиёёна

интеллиге́нтский, -ая, -ое ...и интеллигентчигӣ

интеллиге́нтщина *ж разг. ирон.* 1. *собир.* интеллигенция, зиёиён (*бештар оид ба зиёиёни буржуазӣ*) 2. (*образ мыслей, уклад*) интеллигентчигӣ (*одатан дар бораи ақидаҳои зиёиёни буржуазӣ*)

интеллиге́нци||я *ж* 1. интеллигенция, зиёиён; **сове́тская** ~**я** интеллигенцияи советӣ; **тво́рческая** ~**я** зиёиёни иҷодкор 2. *собир.* интеллигенция, интеллигентон, зиёиён; **собра́ние се́льской** ~**и** маҷлиси зиёиёни деҳа

интенда́нт *м* интендант (*мудири қисми хоҷагӣ дар армия*)

интенда́нтск||ий, -ая, -ое интенданти, ...и интендант; ~**ая слу́жба** хизмати интендантӣ

интенда́нтство *с* идораи интенданти (*идораи ҳарбӣ, ки бо таъминоти хоҷагии армия машғул мешавад*)

интенси́вно *нареч.* бо шиддат, шиддатнок

интенси́вность *ж* 1. шиддат, шиддатнокӣ; ~ **труда́** шиддатнокии меҳнат; ~ **ве́тра** шиддати шамол 2. интенсивӣ (сермаҳсул, серҳосил, сердаромад) будан(и) 3. равшанӣ, баландӣ; ~ **окра́ски** баландии ранг

интенси́вн||ый, -ая, -ое (интенси́в|ен, -на, -но) 1. бошиддат, шиддатнок; ~**ое движе́ние** ҳаракати бошиддат 2. интенсивӣ, сермаҳсул, серҳосил, сердаромад; ~**ое хозя́йство** хоҷагии сермаҳсул 3. (*о цвете*) равшан, баланд

интенсифика́ция *ж* (*по знач. гл.* **интенсифици́ровать**) интенсификация, сермаҳсул (серҳосил, сердаромад) кардан(и); ~ **земледе́лия** сердаромад кардани деҳқонӣ; ~ **произво́дства** сермаҳсул кардани саноат

интенсифици́ровать *сов., несов. что книжн.* интенсификация кардан, интенсивӣ (сермаҳсул, ҳосилнок, серҳосил, сердаромад) кардан; ~ **се́льское хозя́йство** хоҷагии қишлоқро сермаҳсул кардан

интенсифици́роваться *несов. страд.* интенсификация карда шудан, интенсивӣ (сермаҳсул, ҳосилнок) карда шудан

интерва́л *м* 1. фосила, ҷои холӣ; ~ **ме́жду коло́ннами** фосилаи байни колоннаҳо 2. танаффус; **мы занима́лись три часа́ с небольши́ми** ~**ами** мо бо андак танаффусҳо се соат кор кардем 3. *муз., физ.* фосила, буъд (*фарқияти баландии ду садо*); **гармони́ческие** ~**ы** буъди ағонӣ

интерве́нт *м полит.* интервент, мудохилакор (*ташкилотчӣ ё иштироккунандаи интервенция*)

интервенциони́ст *м полит.* интервенционист, тарафдори интервенция

интервенциони́стск||ий, -ая, -ое *полит.* интервенционисти, ...и интер-

венционист; ~ие пла́ны накшаҳои интервенционистӣ

интервенцио́нн||ый, -ая, -ое *полит.* интервентӣ, интервенционӣ, ...и интервенция; **~ая а́рмия** армияи интервенция

интерве́нци||я *ж полит.* интервенция, мудохила *(ба корҳои ягон мамлакат таҷовузкорона мудохила кардани як ё чанде аз давлатҳо)*

интерви́дение *с* интервизион *(ташкилоти байналхалқии телевизион)*

интервью́ *с нескл.* 1. интервью, мусоҳиба; **взять ~** интервью гирифтан; **дать ~** интервью додан 2. мазмуни мусоҳиба; **помести́ть ~** мазмуни мусоҳибаро дарҷ кардан

интервьюе́р *м* интервьюгиранда, мухбири мусоҳибакунанда

интервьюи́ровать *сов., несов. кого* интервью гирифтан, мусоҳиба кардан

интервьюи́роваться *несов. страд.* интервью гирифта шудан

интере́с *м* 1. шавқ, ҳавас, завқ, рағбат; **общегосуда́рственные ~ы** манфиатҳои умумидавлатӣ; **~ к литерату́ре** шавқи адабиёт; **в ~ах кого́-чего́-л.** ба нафъи касе (чизе); **подчини́ть свои́м ~ам** *что* ба манфиатҳои худ тобеъ кардан; **обеспе́чивать охра́ну ~ов о́бщества** ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятро таъмин кардан; **слу́шать с ~ом** бо завқ гуш кардан; **из спорти́вного ~а** аз руи шавқ, барои кунҷковӣ 2. ҳавасоварӣ, завқоварӣ; **расска́з, по́лный глубо́кого ~а** ҳикояи хеле завқовар 3. аҳамият; **э́то де́ло представля́ет огро́мный ~** ин кор аҳамияти бузург дорад 4. *чаще мн.* **интересы** мақсадҳо, майлу рағбат; **ме́лкие ~ы** мақсадҳои ночиз; **широ́кий круг ~ов** майлу рағбати гуногун 5. *чаще мн.* **интере́сы** манфиатҳо, фоида, нафъ; **кла́ссовые ~ы** манфиатҳои синфӣ; **в ~ах ми́ра во всём ми́ре** ба нафъи сулҳи тамоми ҷаҳон; **в ~ах де́ла** ба манфиати кор 6. *разг.* фоида, суд, нафъ; **что за ~ прийти́ на полчаса́?** нимсоата омадан чӣ фоида дорад? ◇ **оста́ться (оказа́ться) при пи́ковом ~е** ду даст дар бинӣ мондан

интере́сничать *несов. уст. разг.* ҳавасманд (завқманд) кардан, ба завқ овардан

интере́сно *нареч.* шавқовар, ҳавасовар, аҷиб, ғалатӣ

интере́сн||ый, -ая, -ое (интере́с|ен, -на, -но) 1. шавқовар, ҳавасовар, завқовар, ҳавасангез, бамаънӣ; **~ая кни́га** китоби шавқовар; **~ый разгово́р** гуфтугуи завқовар; **~ые лю́ди** одамони бамаънӣ 2. *разг.* зебо, хушруй, дилрабо; **~ая де́вушка** духтари зебо ◇ **в ~ом положе́нии** *уст.* ҳомила, дуҷон

интерес||ова́ть *несов. кого* ҳаваснок (рағбатнок) кардан, диққатро ҷалб кардан, шавқ овардан; **его́ ~у́ет матема́тика** у ба математика шавқ дорад

интерес||ова́ться *несов. кем-чем* ҳавас (рағбат) кардан, ҳавас (шавқ) доштан; **он ~у́ется жи́вописью** у ба рассомӣ ҳавас дорад

интерлю́дия *ж муз.* интерлюдия *(пьесаи майда барои пайвастани қисмҳои асари мусиқӣ)*

интерме́дия *ж* 1. *театр.* интермедия *(парда ё намоиши иловагии хурдакаки байни пардаи драма ё опера, ки бештар мазмуни ҳаҷвӣ дорад)* 2. *см.* **интерлю́дия**

интерме́ццо *с нескл. муз.* интермеццо *(пьесаи хурд барои асбобҳои мусиқӣ)*

инте́рн *м* интерн *(духтуре, ки барои такмили ихтисос ба ягон муассисаи муолиҷавӣ фиристода шудааст)*

интерна́т *м* 1. *(общежитие для учащихся)* интернат *(хобгоҳи талабагон)* 2. *(учебное заведение)* интернат *(мактаби махсуси пушида)*; **шко́ла-~** мактаби интернат; **он у́чится в ~е** у дар интернат мехонад

интерна́тский, -ая, -ое ...и интернат, интернатӣ

интернациона́л *м* 1. *(международное объединение)* интернационал; **Пе́рвый ~** Интернационали Якум; **Коммунисти́ческий ~** Интернационали Коммунистӣ 2. *(гимн)* Интернационал; **петь Интернациона́л** Интернационал сурудан

интернационализа́ция *ж полит.* интернационализация *(чизеро интернационалӣ шуморидан, барои истифодаи умумӣ ба ҳамаи давлатҳо додани ҳуқуқи ягона)*

интернационализи́ровать *сов., несов. что полит.* интернационализация кардан

интернационализи́роваться *несов. страд.* интернационализация карда шудан

интернационали́зм *м полит.* интернационализм; **пролета́рский ~** интернационализми пролетарӣ; **воспита́ние масс в ду́хе ~а** оммаро дар руҳи интернационализм тарбия кардан

интернационали́ст *м полит.* интернационалист, тарафдори интернационализм

интернационалисти́ческий, -ая, -ое *полит.* ...и интернационализм, интернационалистӣ

интернационали́стск||ий, -ая, -ое *полит.* ...и интернационализм, интернационалистӣ, ...и интернационалист; **~ая та́ктика** тактикаи интернационалистӣ

интернациона́льн||ый, -ая, -ое интернационалӣ, байналмилалӣ, байналхалқӣ; **~ое сотру́дничество** ҳамкории байналхалқӣ; **~ые слова́** калимаҳои байналхалқӣ

интерни́рование *с* боздошт, боздоштан(и) *(аз тарафи давлати бетараф нигоҳ доштани ва беярок кардани қисмҳои ҳарбии давлати ҷангкунанда дар хоки худ; аз тарафи давлати ҷангкунанда нигоҳ доштани гражданҳои давлати муқобил, ки дар ҳудуди он истиқомат мекунанд)*

интерни́ровать *сов., несов. кого-что* боздошт кардан; **~ эска́дру вою́ющего госуда́рства** эскадраи давлати ҷангкунандаро боздошт кардан

интерни́роваться *несов. страд.* ҳабси назар карда шудан

интерпелли́ровать *сов., несов. полит.* ба ҳукумат савол додан, аз ҳукумат эзоҳот талаб кардан

интерпелля́ция *ж полит.* интерпелляция, талаби эзоҳ, истезоҳ *(аз ҳукумат дар ягон масъала эзоҳоти махсус талаб кардани депутатҳои парламент)*

интерполи́ровать *сов., несов. что книжн., мат.* интерполяция кардан

интерполя́ция *ж* интерполяция (1. *книжн* аз тарафи тарҷумонҳо ё хаттотон ба матни асар даровардани калима, ибора ё порчаҳое, ки дар асли асар набудаанд 2. *мат.* ёфтани андозаи мобайнии ягон бузургӣ)

интерпрета́тор *м книжн.* шореҳ, тафсиркунанда, таъбиргар

интерпрета́ция *ж книжн.* шарҳ, тафсир, таъбир; **~ зако́на** шарҳи қонун; **~ ру́кописи** шарҳи дастнавис; **но́вая ~ симфо́нии** тафсири нави симфония

интерпрети́ровать *сов., несов. что* шарҳ додан, тафсир (таъбир) кардан; **~ собы́тие** воқеаро шарҳ додан

интерпрети́роваться *несов. страд.* шарҳ дода шудан

интерфере́нция *ж физ.* интерференция *(ба ҳамдигар таъсир кардани мавҷҳои садо, рушноӣ ва ғ. дар шароити ба муқобили якдигар истодан)*; **~ зву́ка** интерференцияи овоз

интерье́р *м* 1. *архит.* интерьер, биноӣ дохилӣ 2. *иск.* интерьер *(расми дохили бино)*

инти́мность *ж* 1. ниҳонӣ будан(и); **~ пережива́ний** ниҳонӣ будани ҳиссиёт 2. самимият, наздикӣ, дустии наздик. самимӣ (маҳрамона) будан(и); **~ бесе́ды** самимияти суҳбат; **~ отноше́ний** наздикии муносибат

инти́мн||ый, -ая, -ое (инти́м|ен, -на, -но) 1. ниҳонӣ; **~ые пережива́ния** ҳиссиёти ниҳонӣ 2. самимӣ, наздик, маҳрам(она); **~ый друг** дусти маҳрам; **вести́ ~ый разгово́р** суҳбати маҳрамона доштан 3. ишқӣ; **~ые отноше́ния** муносибати ишқӣ

интоксикацио́нн||ый, -ая, -ое *мед.* ...и интоксикация, интоксикационӣ, ...и заҳрдоршавӣ, ...и заҳролудшавӣ; **~ая сыпь** доначаҳои интоксикация

интоксика́ция *ж мед.* интоксикация, заҳрдоршавӣ, заҳролудшавӣ *(бо моддаҳои заҳрдор заҳролуд шудани организм)*; **о́бщая ~** интоксикацияи умумӣ; **пищева́я ~** аз хурок заҳролудшавӣ

интонацио́нн||ый, -ая, -ое *лингв.* интонационӣ, оҳангӣ, овозӣ, ...и интонация, ...и оҳанг, ...и овоз; **~ые осо́бенности языка́** хусусиятҳои интонацияи забон

интона́ци||я *ж* 1. интонация, оҳанг, овоз; **торже́ственная ~я** оҳанги тантананок; **подража́ть чьей-л. ~и** ба оҳанги (ба овози) касе тақлид кардан 2. *лингв.* интонация, оҳанг, овоз *(пасту баландшавии нутқ)*; **вопроси́тельная**

~я оҳанги савол; **повествовательная ~я** оҳанги нақлӣ; **восходящая ~я** интонацияи (оҳанги) болобароянда (баландшаванда); **нисходящая ~я** интонацияи (оҳанги) пастшаванда 3. *муз.* интонация, оҳанг; **фальшивая ~я** оҳанги вайрон

интонирование *с* (*по знач. гл.* **интонировать**) интонациянок (оҳангдор) кардан(и)

интонировать *несов. книжн.* интонациянок (оҳангдор) кардан (*бо ягон оҳанг гап задан ё сурудан*)

интриг||а *ж* 1. макр, ҳила, фитна, найранг, дасиса; **стать жертвой ~и** қурбони макр шудан 2. *лит.* интрига (*мазмуни асосии драма ё роман, ки дар атрофи вай воқеа инкишоф меёбад*) 3. *уст.* ишқбозӣ, савдои ошиқона; **завязать ~у** ба ишқбозӣ даромадан

интриган *м* маккор, фитнагар, найрангбоз, дасисакор

интриганка *женск. к* **интриган**

интриганство *с* маккорӣ, фитнагарӣ, найрангбозӣ, дасисакорӣ

интриг||овать *несов* 1. макр (фитна, найранг, дасиса) кардан; **~овать против кого-л.** ба муқобили касе дасиса кардан 2. *кого-что* таҳрик (диққатро ҷалб) кардан, ҳисси кунҷковӣ бедор кардан; **меня ~ует его поведение** рафтори вай диққати маро ҷалб мекунад

интрижка *ж разг. уменьш.-унич. к* **интрига** 3

интродукция *ж муз.* интродукция, муқаддима, даромад

интроспективн||ый, -ая, -ое *психол.* ...и худмушоҳидакунӣ, ...и муоинаи худ; **~ые данные** маълумоти худмушоҳидакунӣ

интроспекция *ж психол.* худмушоҳидагарӣ, муоинаи худ

интуитивизм *м филос.* интуитивизм (*ҷараёни фалсафии идеалистӣ, ки интуицияро ягона воситаи идрок мешуморад*)

интуитивист *м филос.* интуитивист, тарафдори интуитивизм

интуитивн||ый, -ая, -ое (интуитив|ен, -на, -но) беихтиёрона; **~ое чувство** ҳисси беихтиёрона

интуици||я *ж* 1. гувоҳии дил, ҳисси пешакӣ; фаросат, фаҳм; **по ~и** аз руи ҳисси пешакӣ, бо гувоҳии дил 2. *филос.* интуиция (*мувофиқи фалсафаи идеалистӣ идроки бевоситаи ҳақиқат бе мадади таҷрибаи илмӣ ва хулосаи мантиқӣ*)

инфант *м* инфант, шоҳзода (*дар Испания ва Португалияи давраи монархия*)

инфанта *ж* инфанта, шоҳдухтар

инфантери||я *ж уст. воен.* пиёда, аскари (қушуни) пиёда; **генерал от ~и** генерали қушуни пиёда (*унвони олии генералӣ дар қушуни пиёдаи армияи тореволюционии Россия*)

инфантилизм *м мед.* инфантилизм (*ақибмонии тараққиёти организм*)

инфантильность *ж книжн.* ба камол нарасидан(и), тараққӣ накардан(и); **~ организма** ба камол нарасидани организм

инфантильный, -ая, -ое (инфантил|ен, -льна, -льно) *книжн.* ношуд, норасида

инфаркт *м мед.* инфаркт, сактаи дил; **~ миокарда** инфаркти миокард

инфекционн||ый, -ая, -ое *мед.* 1. инфекционӣ, ...и инфекция; **~ое отделение** шуъбаи инфекция 2. сирояткунанда, гузаранда; **~ые заболевания** касалиҳои сирояткунанда

инфекция *ж мед.* инфекция (*сирояти бактерияҳои касалиовар*); **~ гриппа** инфекцияи грипп

инфильтрат *м биол., мед.* инфильтрат (*сахт ва калон шудани бофтаи организм дар натиҷаи пайдоиши ҳар гуна варам*); **туберкулёзный ~** инфильтрати сил

инфильтрация *ж* 1. *книжн.* гузаштан(и); **~ влаги** гузаштани рутубат 2. *биол., мед.* инфильтрация (*бо моддаҳои варам пур шудани бофтаҳои организм*)

инфинитив *м грам.* масдар, инфинитив (*шакли тасрифнашавандаи феъл*)

инфлюэнца *ж уст. мед.* грипп, зуком

инфляционный, -ая, -ое *эк.* инфляционӣ, ...и инфляция

инфляция *ж эк.* беқурбшавии пул, инфляция (*дар натиҷаи аз ҳад зиёд баровардани пули коғазӣ*)

ин-фолио *нареч. полигр* ин-фолио (*коғази нашрии дуқат*); **альбом ~** альбоми ин-фолио

информант *м* ахборрасон

информативный, -ая, -ое ахборотӣ, информативӣ

информатор *м* ахборотдиҳанда, маълумотдиҳанда, мухбир

информационный, -ая, -ое информационӣ, ...и ахборот, маълумотӣ; **~ бюллетень** бюллетени информационӣ; **~ отдел** шуъбаи ахборот

информаци||я *ж* 1. *см.* **информирование**; 2. ахборот, маълумот, информация; **научная ~я** ахборати илмӣ; **экономическая ~я** ахбори иқтисодӣ; **распространение ~и** интишори ахбор; **теория ~и** назарияи ахбор; **Институт научной и технической ~и** Институти ахбороти илм ва техника; **получить необходимую ~ю** маълумоти зарурӣ гирифтан; **дать исчерпывающую ~ю** маълумоти пурра додан

информбюро *с нескл.* (информационное бюро) бюрои информационӣ; **Советское ~** *ист.* Бюрои информационии советӣ

информирование *с* (*по знач. гл.* **информировать**) ахборотдиҳӣ, маълумотдиҳӣ, информациядиҳӣ, хабардор кардан(и); **~ о порядке работы совещания** ахборотдиҳӣ дар бораи тартиби кори маҷлиси машваратӣ

информировать *несов. кого-что* ахборот (маълумот) додан, хабардор (воқиф) кардан, информация додан; **~ о положении дел** аз авзои кор ахборот додан; **он обещал меня ~** вай ваъда дода буд, ки маро хабардор мекунад

информироваться 1. *сов., несов.* ахборот (маълумот) гирифтан, хабардор (воқиф) шудан, информация гирифтан 2. *несов. страд.* ахборот (маълумот) дода шудан, хабардор карда шудан

инфразвук *м физ.* инфраовоз (*лаппиши пасти овоз, ки гуши одам намешунавад*)

инфракрасн||ый, -ая, -ое: **~ые лучи** *физ.* шуоъҳои инфрасурх (*шуоъҳои ноаёни гармӣ, ки мавҷашон нисбат ба мавҷи шуоъҳои сурхи офтоб хеле дароз аст*)

инфузория *ж* инфузория (*ҷонвари соддатарини обӣ*)

инцидент *м* ҳодиса, воқеа, воқеаи ногувор; **пограничный ~** воқеаи сарҳаддӣ; **печальный ~** ҳодисаи ғамангез

инъекционный, -ая, -ое *мед.* инъекционӣ, ...и инъекция; **~ препарат** препарати инъекция

инъекция *ж мед.* инъекция, тазриқ; **~ глюкозы** инъекцияи глюкоза

инъецировать *сов., несов. кого* инъекция кардан

ион *м физ.* ион (*атом ё гурӯҳи атомҳои дорои қувваи электр*)

ионизационн||ый, -ая, -ое *физ.* ионизационӣ, ...и ионизация; **~ая аппаратура** асбобҳои ионизация

ионизация *ж физ.* ионизация, иондор кардан(и); иондор шудан(и); **~ атмосферы** ионизацияи атмосфера

ионизировать *сов., несов. что физ.* ионизация (иондор) кардан; **~ газы** газҳоро иондор кардан

ионизироваться *несов. страд.* ионизация (иондор) карда шудан

ионизовать *сов., несов. см.* **ионизировать**

ионизоваться *несов. см.* **ионизироваться**

ионийский, -ая, -ое *см.* **ионический**

ионическ||ий, -ая, -ое 1. *ист.* ионӣ, ...и Иония 2. *архит.* ионӣ (*мансуб ба меъмории Юнони Қадим*); **~ие колонны** сутунҳои ионӣ

ионн||ый, -ая, -ое *физ.* ...и ион, ионӣ; **~ая реакция** реакцияи ионӣ

ионосфера *ж физ.* ионосфера (*қабати болоии ҳаво, ки миқдори зиёди ион ва электронҳои озод дорад*)

ионосферный, -ая, -ое *физ.* ионосферӣ, ...и ионосфера

ионотерапия *ж мед.* ионотерапия (*гузарондани дорувор ба пуст ва пардаи луобӣ бо ёрии ҷараёни гальванӣ*)

ипекакуана *ж* ипекакуана (1. *бот.* *навъи растании дар Америкаи Ҷанубӣ, ки аз решаҳои он дору тайёр мекунанд* 2. *мед. дорувор аз решаҳои ҳамин растанӣ, ки барои балғамоварӣ ва қайкунонӣ кор фармуда мешавад*)

ипомея *ж бот.* ашақа, ошиқпечон (*растании печанда, ки гулҳои калони қифмонанд дорад*)

ипотека *ж эк.* 1. (*ссуда*) қарз, байъи ҷоиз (*дар мамлакатҳои капиталистӣ — қарзе, ки мулки ғайриманқулро ба гарав монда мегиранд*) 2. (*залог*) гаравпулӣ

ипотечный, ая, -ое *эк.* гаравӣ, ...и гарав, ...и байъи ҷоиз; **~ банк** банки гаравӣ (*банке, ки аз руи мулки гаравӣ пул медиҳад*)

ипохо́ндрик *м* савдоӣ, савдозада; бадгумон; руҳафтода, дилтанг

ипохондри́ческий, -ая, -ое савдоӣ, ...и савдо; бадгумон; руҳафтода, дилтанг

ипохо́ндри||я *ж* савдо; бадгумонӣ; руҳафтодагӣ, дилтангӣ; **страда́ть ~ей** савдоӣ шудан

ипподро́м *м* ипподром, майдони аспдавонӣ, майдони пойга

ипри́т *м хим.* иприт (*моддаи заҳролудкунандаи ҷангӣ*)

ира́кец *м* ироқӣ

ира́нец *м* эронӣ

ирани́ст *м* эроншинос

ирани́стика *ж* эроншиносӣ; филологияи эронӣ

ира́нка *ж* эронзан, эрондухтар, зани (духтари) эронӣ

ира́нск||ий, -ая, -ое эронӣ, ...и Эрон; **~ие языки́** забонҳои эронӣ

ира́нцы *мн.* эрониён

ири́дий *м хим.* иридий (*элементи химиявӣ — металли вазнини платинамонанд*)

и́рис *м* 1. *бот.* савсан; **фиоле́товые ~ы** савсанҳои бунафшаранг 2. *анат.* пардаи инабияи чашм 3. (*нитки*) ресмон

ири́с *м* ирис (*навъи конфет*); **сли́вочный ~** ириси қаймоқин

ири́ска *ж разг.* як дона ирис

ирла́ндец *м* ирландӣ

ирла́ндка *ж* ирландизан, ирландидухтар, зани (духтари) ирландӣ

ирла́ндский, -ая, -ое ирландӣ, ...и Ирландия; **~ костю́м** костюми ирландӣ; **~ се́ттер** сеттери ирландӣ (*хели саги шикории пашмаш дароз малла*)

ирла́ндцы *мн.* ирландиҳо

и́род *м прост. бран.* золим, ситамгар, азобдиҳанда

ироке́зский, -ая, -ое ирокезӣ, ...и ирокез

ироке́зы *мн.* (*ед.* **ироке́з** *м*) ирокезҳо (*гурӯҳи қабилаҳои аз ҷиҳати забон ба ҳамдигар наздики ҳиндуёни Америка*)

ирони́зировать *несов.* истеҳзо (тамасхур, ҳазл, мазоҳ) кардан, пичинг паррондан, ришханд намудан; **~ над ке́м-либо** ба ягон кас пичинг партофтан

ирони́ческ||ий, -ая, -ое истеҳзоомез, тамасхуромез, ҳазломез, ришхандомез; **~ая улы́бка** табассуми истеҳзоомез; **~ое замеча́ние** эроди тамасхуромез; **говори́ть ~им то́ном** бо оҳанги истеҳзо гап задан

ирони́чный, -ая, -ое *см.* **ирони́ческий**

иро́ния *ж* 1. истеҳзо, тамасхур, ҳазл, ришханд; **в его́ слова́х сквози́ла ~** гапҳои вай истеҳзоомез буданд 2. рамз, киноя ◇ **~ судьбы́** гардиши фалак

иррадиа́ция *ж* иррадиация (1. *физ.* дар заминаи сиёҳ ба назар калон намудани чизҳои дурахшанда 2. *мед.* аз узви касал ба узвҳои дигари бадан паҳн шудани дард 3. *физиол.* паҳншавии процесси баҷушоӣ ё хомӯшшавӣ дар системаи марказии асаб)

иррационали́зм *м филос.* иррационализм (*ҷараёни идеалистӣ дар фалсафа, ки воқеиятро ақлнорас ҳисоб карда, дониши мантиқии илмиро инкор мекунад*)

иррациона́льность *ж* 1. *филос.* иррационалӣ (аз ақл берун, ақлнорас) будан(и) 2. *мат.* иррационалӣ (ғайриқиёсӣ) будан(и)

иррациона́льн||ый, -ая, -ое 1. *филос.* иррационалӣ, аз ақл берун, ақлнорас; **~ые явле́ния** ҳодисаҳои аз ақл берун 2. *мат.* иррационалӣ, ғайриқиёсӣ; **~ые чи́сла** ададҳои ғайриқиёсӣ; **~ое уравне́ние** муодилаи иррационалӣ

ирреа́льный, -ая, -ое *книжн.* ирреалӣ, хаёлӣ, номавҷуд

иррегуля́рн||ый, -ая, -ое *книжн.* ғайримунтазам, номунтазам, аз қоида берун; **~ые войска́** қушунҳои номунтазам

ирригатор *м* 1. ирригатор, мутахассиси обьёрӣ 2. *мед.* ирригатор (*асбоби ҷароҳатшуӣ*)

ирригацио́нн||ый, -ая, -ое ирригационӣ, ...и ирригация, ...и обьёрӣ; **~ая сеть** сети обьёрӣ; **~ая систе́ма** системаи обьёрӣ; **~ые сооруже́ния** иншооти ирригационӣ

ирригá́ция *ж* ирригация, обьёрӣ

ис: *приставка префиксест, ки ба ҷои «из» пеш аз ҳамсадоҳои беҷаранг меояд:* **испе́чь, исто́пить;** *см.* **из:**

иск *м юр.* даъво, мутолиба; **предъяви́ть ~ кому́-л.** ба ягон кас даъво кардан; **встре́чный ~** даъвои хилоф

искажа́ть *несов. см.* **искази́ть**

искажа́ться *несов.* 1. *см.* **искази́ться;** 2. *страд.* вайрон (таҳриф) карда шудан

искаже́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **искази́ть**) вайрон (таҳриф, ғалат маънидод) кардан(и); (*по знач. гл.* **искази́ться**) вайрон (таҳриф) ғалат маънидод шудан(и); **~е фа́ктов** таҳрифи фактҳо 2. хато, ғалат; таҳриф; **серьёзные ~я в те́ксте** таҳрифи ҷиддии матн

искажённый, -ая, -ое 1. *прич.* вайрон (таҳриф, галат маънидод) кардашуда; бадшакл кардашуда, бурмашуда 2. *прил.* вайрон, нодуруст; **~ текст** матни вайрон 3. (*напр. о лице*) бадшакл, баднамо, бурма

искази́||ть *сов. что* 1. вайрон (таҳриф, ғалат маънидод) кардан, нодуруст нишон додан; **~ть чью-л. мысль** фикри касеро ғалат маънидод кардан 2. бадшакл (баднамо, бурма) кардан; **го́ре ~ло её лицо́** ғаму андуҳ руи уро баднамо кард

искази́||ться *сов.* 1. вайрон (таҳриф, ғалат маънидод) шудан; **за́мысел ~лся** фикри асосӣ таҳриф шуд 2. бадшакл (баднамо, бурма) шудан; **его́ лицо́ ~лось от бо́ли** руи у аз дард бурма шуд

искале́ченн||ый, -ая, -ое (искале́чен, -а, -о) 1. *прич.* маъюб (маиб) кардашуда 2. *прил.* маъюб, маиб; **~ая нога́** пои маъюб 3. *прил.* вайрон; **~ый велосипе́д** велосипеди вайрон 4. *прил. перен.* вайроншуда; **~ое де́тство** бачагии пуразоб

искале́чивать *несов. см.* **искале́чить**

искале́чиваться *несов.* 1. *см.* **искале́читься;** 2. *страд.* маъюб (маиб) карда шудан

искале́чи||ть *сов.* 1. *кого-что* маъюб (маиб) кардан; **он ~л себе́ ру́ку** у дасташро маъюб кард 2. *что* вайрон кардан, шикастан; **ребёнок ~л игру́шку** бача бозичаро вайрон кард 3. *кого-что перен.* вайрон кардан; **~ть чью-л. жизнь** ҳаёти ягон касро вайрон кардан

искале́чи||ться *сов. разг.* маъюб (маиб) шудан; **он ~лся, упа́в с ле́стницы** вай аз зина афтода маъюб шуд

иска́лывать *несов. см.* **исколо́ть**

иска́лываться *несов.* 1. *см.* **исколо́ться;** 2. *страд.* халонда шудан, халонда-халонда ярадор карда шудан

иска́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **иска́ть** 1. 2) ҷустуҷӯ (кофтуков) кардан(и), ҷустан(и) 2. *тк. мн.* **иска́ния** ҷустуҷӯ, кофтуков; **тво́рческие ~я** ҷустуҷӯи эҷодӣ 3. *уст.* (*заискивание*) хушомадгӯӣ, тамаллуқкорӣ

иска́пывать *несов. см.* **ископа́ть**

иска́пываться *несов.* *страд.* канда шудан, побел карда шудан

искарио́т *м уст. бран.* виҷдонфурӯш, хоин

иска́тел||ь *м* 1. ҷӯянда, -ҷӯ(й), ҷустуҷӯкунанда, кобанда; **~и алма́зов** алмосҷӯён; **~и же́мчуга** ғаввосони гавҳарҷӯй 2. *тех.* ҷустуҷӯкунак (*асбоби кофта ёфтани ягон объект*); **~ь у телеско́па** ҷустуҷӯкунаки телескоп ◇ **~ь приключе́ний** 1) *уст.* сайёҳи ҷойҳои камтаҳқиқшуда 2) (*авантюрист*) моҷароҷӯй

иска́тельн||ый, -ая, -ое *уст. книжн.* хушомадгӯёна, тамаллуқкорона; **~ая улы́бка** табассуми тамаллуқкорона; **говори́ть ~ым то́ном** бо оҳанги хушомадгӯёна гап задан

иска́тельство *с уст. книжн.* хушомадгӯӣ, лаганбардорӣ, тамаллуқкорӣ

иска́ть *сов.* 1. *кого-что* ҷустуҷӯ кардан, ҷустан, аз паи чизе гаштан, кофтан; **~ ну́жную кни́гу** китоби даркориро ҷустан 2. *кого-что, чего* ҷустан; **~ защи́ты** ҳимоя (дастгирӣ) ҷустан; **~ но́вых путе́й в тво́рчестве** дар эҷодиёт роҳҳои нав ҷустан 3. *что с кого, на ком юр.* даъво (иддао) кардан, даъво доштан; **~ с отве́тчика две ты́сячи рубле́й** ба (аз) ҷавобгар ду ҳазор сум даъво доштан 4. *с неопр. уст. книжн.* (*стремиться*) хостан, саъю кушиш (ҷидду ҷаҳд) кардан 5. *в ком, у кого уст.* (*заискивать*) хушомадгӯӣ (лаганбардорӣ) кардан ◇ **~ вчера́шний день** дар пирӣ айёми ҷавонӣ ҷустан; **~ глаза́ми кого́-что́-л.** чашм давонда касеро, чизеро кофтан; **~ забве́ния в чём-л.** ба ягон коре машғул шуда ғаму ғуссаро фаромуш карданӣ шудан; **~ чье́й-л. руки́** *уст.* ба занӣ хостан; **ищи́-свищи́, ищи́ ве́тра в по́ле** ёбу гир (*дар бораи чизи бедарак гумшуда гуфта мешавад*)

иска́ться *несов. страд.* ҷуста шудан, ҷустуҷӯ (кофтуков) карда шудан

исклева́||ть *сов.* 1. *кого* нул зада ярадор кардан; **насе́дка ~ла ко́шку** мурғи курк гурбаро нул зада ярадор кард 2. *что* нӯл зада хӯрдан; **го́луби ~ли весь корм** кабутарҳо тамоми донро [нул зада] хӯрданд

исклёвывать *несов. см.* **исклева́ть**

исклёвываться *несов. страд.* нӯл зада ярадор карда шудан; нул зада хӯрда шудан

исключа́ть *несов. см.* **исключи́ть**

исключа́ться *несов. страд.* бароварда шудан, хориҷ карда шудан; истисно карда шудан

исключа́я 1. *деепр.* бароварда истода, хориҷ карда истода, хориҷкунон 2. *предлог с род., вин.* ғайр аз, ба ғайр аз, ба ҷуз, ба истиснои... ; **он ест всё, ~ мя́со** вай, ғайр аз гушт, ҳама чизро мехурад; **ро́дственников, ~ бра́та, у него́ нет** у, ба ҷуз бародараш, хешу акрабо надорад

исключе́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **исключи́ть** 1) баровардан(й), хориҷ кардан(и); **~е из спи́сков** аз руйхат баровардан(и) 2. мустасно, истисно; **сде́лать ~е** мустасно кардан; **допусти́ть в ви́де ~я** ба тариқи истисно раво донистан; **ни для кого́ не де́лать ~й** ҳеҷ касро истисно накардан ◇ **за ~ем** *предлог с род. кого-чего* ба ғайр аз, ғайр аз, ба ҷуз, ба истиснои

исключи́тельно 1. *нареч.* махсусан, ниҳоят, аз ҳад зиёд, фавқулодда; **~ интере́сная кни́га** китоби ниҳоят мароқовар 2. *в знач. выдел.-огранич. частицы* танҳо, фақат; **он доверя́л ~ мне** вай танҳо ба ман эътимод дошт; **здесь стро́ят ~ ка́менные дома́** дар ин ҷо танҳо хонаҳои сангин месозанд

исключи́тельность *ж* 1. фавқулодда (ғайриоддӣ) будан(и); **~ явле́ния** фавқулодда будани ҳодиса 2. махсусият, имтиёз; **классовая ~** махсусияти синфӣ

исключи́тельн||ый, -ая, -ое (исключи́те|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* мустасно, ба таври истисно; **~ые права́** ҳуқуқҳои фавқулодда (истисноӣ) 2. махсус, фавқулодда, алоҳида; **в ~ых слу́чаях** дар мавридҳои махсус; **~ый тала́нт** истеъдоди фавқулодда 3. *разг.* ниҳоят хуб, мумтоз; **~ая пье́са** пьесаи ниҳоят хуб 4. якка, ягона; **~ый слу́чай** ҳодисаи ягона 5. танҳо, фақат, махсус; **~ая со́бственность госуда́рства** моликияти махсуси давлат

исключ||и́ть *сов.* 1. *кого-что* баровардан, хориҷ кардан; **~и́ть из шко́лы** аз мактаб хориҷ кардан; **~и́ть из спи́ска** аз руйхат баровардан 2. *что* роҳ надодан; истисно (мустасно) кардан; **тако́е положе́ние ~ено́** ин тавр шуданаш мумкин нест; **не ~ена́ возмо́жность** мумкин аст, эҳтимол дорад, аҷаб нест

исковерканн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* афгор кардашуда; маъюб (маиб) кардашуда; вайрон (таҳриф) кардашуда 2. *прил.* вайрон; **~ый самолёт** самолёти вайрон 3. *прил. перен.* вайроншуда; **~ая жизнь** ҳаёти вайроншуда 4. *прил. перен.* вайрон, носаҳеҳ; **говори́ть на ~ом францу́зском языке́** ба забони вайрони французӣ гап задан

искове́рка||ть *сов.* 1. *что* вайрон (афгор) кардан, шикастан, пора-пора кардан; **~ть но́вую игру́шку** бозичаи навро вайрон кардан 2. *кого-что* маъюб (маиб) кардан; **оско́лком ми́ны ему́ ~ло но́гу** порчаи мина пои уро маъюб кардааст 3. *кого-что перен.* вайрон кардан; **~ть чью-л. жизнь** ҳаёти касеро вайрон кардан 4. *что перен.* вайрон (таҳриф) кардан, ғалат баён кардан; **~ть чужи́е мы́сли** фикрҳои каси дигарро таҳриф кардан

искове́ркаться *сов. разг.* 1. вайрон (афгор) шудан 2. *перен.* вайрон (таҳриф) шудан

исков||о́й, -а́я, -о́е *юр.* даъвой, ...и даъво; **~о́е заявле́ние** аризаи даъво

исковы́ривать *несов. см.* **исковыря́ть**

исковы́риваться *несов. страд.* кофта шудан; кофта вайрон карда шудан

исковыря́ть *сов. что разг.* кофтан, кофта гирифтан, кофта вайрон кардан; **~ хлеб** мағзи нонро кофта гирифтан

исколa̋чивать *несов. см.* **исколоти́ть**

исколеси́||ть *сов. что разг.* гаштан, тай кардан, давр зада баромадан; **он ~л всю Сиби́рь** у тамоми Сибирьро давр зада баромад

исколоти́ть *сов. разг.* 1. *кого-что* задан, куфтан, лат кардан; **~ до полу́сме́рти** сахт зада (куфта) нимҷон кардан 2. *что* зада вайрон кардан; **~ сте́ны гвоздя́ми** деворҳоро мех зада вайрон кардан

исколо́ть *сов.* 1. *кого-что* халондан, халонда ярадор кардан; **~ ру́ки о колю́чки** дастро хор халонда ярадор кардан 2. *что* сӯрох-сӯрох (ғалбер) кардан; **пла́тье бы́ло иско́лото була́вками** курта бо сарсӯзан сурох-сӯрох карда шуда буд

исколо́ться *сов.* халонда шудан, халида ярадор шудан; **~ о шипы́** хор халида ярадор шудан

иско́мкать *сов. что разг.* ғиҷим кардан; **~ в рука́х плато́к** рӯмолчаро дар даст ғиҷим кардан

иско́мка||ться *сов. разг.* ғиҷим шудан; **ве́щи в чемода́не ~лись** чизҳо дар ҷомадон ғиҷим шудаанд

иско́м||ый, -ая, -ое 1. матлуб; **~ый вы́вод** хулосаи матлуб 2. *мат.* кофташаванда, ҷусташаванда, матлуб, маҷҳул; **~ая величина́** бузургии маҷҳул 3. *в знач. сущ.* **иско́мое** *с мат.* маҷҳул

искони́ *нареч. уст.* аз қадим, аз қадим боз, аз ибтидо, аз азал; **здесь ~ никто́ не жил** дар ин ҷо аз қадим боз ҳеҷ кас зиндагӣ накардааст

иско́нность *ж* аз қадим боз мавҷуд будан(и), қадимӣ (аслӣ) будан(и); **~ славя́нских поселе́ний на се́вере** аз қадим боз дар шимол сокин будани славянҳо

иско́нн||ый, -ая, -ое аз қадим мавҷуд, қадимӣ, тагҷой, азалӣ, асли; **~ое населе́ние** аҳолии тагҷой; **~ые ру́сские зе́мли** сарзаминҳои қадимии рус

исконопа́тить *сов. что разг.* тиққонда то охир сарф кардан (*мас. пахтаро дар вақти маҳкам кардани тарқишҳои тиреза*)

ископа́ем||ый, -ая, -ое 1. кофтанӣ, кофта баровардашаванда; **~ые минера́лы** минералҳои кофта баровардашаванда 2. *в знач. сущ.* **ископа́емые** *мн.* маъданҳо, кофтаниҳо, канданиҳо; **поле́зные ~ые** маъданҳои фоиданок; **разве́дка ~ых** ҷустуҷуи маъданҳо 3. *палеонт.* ниҳоят қадим // *в знач. сущ.* **ископа́емое** ҳайвони (растании) ниҳоят қадим 4. *перен. ирон., шутл.* аз Дақьёнус мондагӣ, куҳнашуда, ақибмонда, аз даҳон монда

ископа́||ть *сов. что* кофтан, кандан, побел кардан; **они́ ~ли весь двор** онҳо тамоми руи ҳавлиро побел карданд

искорёживать *несов. см.* **искорёжить**

искорёживаться *несов.* 1. *см.* **искорёжиться;** 2. *страд.* сахт каҷ (хам) карда шудан

искорёжи||ть *сов. что прост.* сахт каҷ (хам) кардан, хамондан, вайрон кардан, ноҳамвор (пачақ) кардан; **он ~л крыло́ маши́ны** вай қаноти мошинро пачақ кард

искорёжи||ться *сов. прост.* сахт тоб партофтан, каҷ (хам) шудан, ноҳамвор шудан; **дверь ~лась** дар сахт тоб партофт

искорене́ние *с* (*по знач. гл.* **искорени́ть**) решакан (решаков, маҳв, нест) кардан(и), аз беху бун нест кардан(и); (*по знач. гл.* **искорени́ться**) решакан (решаков, маҳв) шудан(и); **~ предрассу́дков** решакан кардани хурофот

искорени́ть *сов. что* решакан (решаков, маҳв, нест) кардан, аз беху бун нест кардан; **~ бюрократи́зм** бюрократизмро нест кардан; **~ дурны́е привы́чки** одатҳои бадро нест кардан

искорени́||ться *сов.* аз реша канда шудан, решакан (решаков, нест) шудан, аз беху бун нест шудан; **э́тот предрассу́док совсе́м ~лся** ин хурофот тамоман нест шуд

искореня́ть *несов. см.* **искорени́ть**

искореня́ться *несов.* 1. *см.* **искорени́ться;** 2. *страд.* решакан (решаков, маҳв, нест) карда шудан

и́скорка *ж уменьш.-ласк. к* **и́скра**

искоро́би||ть *сов. что разг.* сахт каҷ (хам) кардан, ноҳамвор (қат) шудан; **чемода́н ~ло от сы́рости** ҷомадон аз рутубат тоб партофт

искоро́би||ться *сов. разг.* тоб партофтан, сахт каҷ (хам) шудан, ноҳамвор (қат) шудан; **фане́ра ~лась** фанера тоб партофт

и́скоса *нареч.* уреб, бо гушаи (бо қирраи) чашм, каҷ-каҷ, чаппа-чаппа; **он посмотре́л на меня́ ~** ӯ ба ман каҷ-каҷ нигарист

искоси́ть *сов. что разг.* каҷ (хам) кардан

искоси́ться *сов. разг.* каҷ (хам) шудан

искособо́читься *сов. прост.* ба як тараф хам (каҷ) шудан, хамидан, яклаба шудан

и́скр||а *ж* 1. шарора; **электри́ческая ~а** шарораи электр; **из трубы́ парово́за лете́ли снопы́ искр** аз дудкаши паровоз туб-туб шарора мепарид 2. (*блестящая точка*) партав, шарора 3. *собир.* хол, [ранги] холча-холча (хол-хол); **пальто́ си́него цве́та с ~ой** пальтои кабуди хол-хол 4. *перен.* зарра; **в его́ слова́х нет ни ~ы пра́вды** дар суханони ӯ заррае ҳам ҳақиқат нест 5. *перен.*

шарора; ~а таланта шарораи истеъдод ◇ ~а божья *у кого, в ком уст.* истеъдод, истеъдоди фитрӣ, қобилияти модарзод; ~ы **из глаз посыпались** аз чашмон олав парид; **заронить ~у чего-либо** тухми чизеро коштан

искра́сить *сов. что разг.* ранг карда шудан, рангро молида тамом кардан; ~ **всю о́хру** ҳамаи охраро молида сарф кардан

искра́си||ться *сов. разг.* тамоман сарф шудан *(дар рангкунӣ)*; **все бели́ла ~лись** тамоми ранги сафед сарф шуд

искра́шивать *несов. см.* **искра́сить**

искра́шиваться *несов.* 1. *см.* **искра́ситься;** 2. *страд.* молида тамом карда шудан *(оид ба ранг)*

искре́ние *с* (*по знач. гл.* **искри́ть**) шарорабарорӣ

и́скренне *нареч.* содиқона, самимона, софдилона, аз самими дил

и́скренн||ий, -яя, -ее (и́скрен|ен, -на, -но) содиқ, самимӣ, самимона, ростгуй, софдил, босадоқат, ихлосманд; ~**ие чу́вства** ҳиссиёти самимона; ~**яя ра́дость** шодии самимӣ

и́скренно *нареч. см.* **и́скренне**

и́скренность *ж* ихлос, садоқат, самимият, ростгуи; **говори́ть с большо́й ~ю** бо тамоми самимият гап задан; **его́ ~ была́ очеви́дна** садоқати вай аён буд

искрести́||ть *сов. что разг.* 1. чилликвор хат кашидан 2. аз чор тараф бурида гузаштан; **лужа́йка искре́щена тропи́нками** пайраҳаҳо марғзорро аз чор тараф бурида гузаштаанд 3. *уст. разг.* давр зада (тай карда) баромадан; **он ~л всю А́зию** вай тамоми Осиёро давр зада баромад

искре́щивать *несов. см.* **искрести́ть**

искре́щиваться *несов. страд.* чилликвор хат кашида шудан

искриви́||ть *сов. что* 1. хам (кач, качу килеб) кардан; ~**ть гвоздь** мехро кач кардан 2. бадшакл (баднамо, бурма) кардан; **гнев ~л его́ лицо́** аз ғазаб руяш бурма шуд

искриви́||ться *сов.* 1. хам (кач, качу килеб) шудан, хамидан; **огло́бли ~лись** шотухо кач шуданд 2. бадшакл (баднамо, бурма) шудан; **его́ лицо́ ~лось** руи у бурма шуд

искривле́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **искриви́ть**) хам (кач) кардан(и); (*по знач. гл.* **искриви́ться**) хам (кач) шудан(и); ~ **позвоно́чника** кач шудани сутунмуҳра 2. хамӣ, качӣ, чои качшуда, качу килебӣ; **выпрями́ть ~** чои качшударо рост кардан 3. *перен.* качравӣ, вайрон кардан(и); ~ **полити́ческой ли́нии** вайрон кардани роҳи сиёсӣ

искривлённость *ж* хамӣ, качӣ, кач будан(и), качу килебӣ; ~ **ног** качии пойҳо

искривлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хам (кач) кардашуда 2. *прил.* хамида, кач; ~**ые ве́тви я́блони** шоххои хамидаи себ

искривля́ть *несов. см* **искриви́ть**

искривля́ться *несов.* 1. *см.* **искриви́ться;** 2. *страд.* хам (кач) карда шудан

искри́ст||ый, -ая, -ое (искри́ст, -а, -о) 1. шарорапош, шароранок, пурчило, тобон; ~**ая роса́** шабнами чилодор 2. *перен.* дурахшон; бехадду канор; ~**ое весе́лье** шодии бехадду канор

искр||и́ть *несов.* 1. шарора пошидан, шарорабор шудан, чило додан, дурахшидан; **желе́зо ~и́ло под уда́рами мо́лота** оҳан дар зери зарбаҳои болға шарора мепошид 2. *эл.* шарора пошидан, шарорабор шудан; **в реле́ ~я́т конта́кты** контактҳои реле шарорабор шуданд

и́скри||ться *несов.* 1. шарора пошидан, шарорабор шудан, чило додан, дурахшидан; **снег ~лся на со́лнце** барф аз шуоъи офтоб медурахшид 2. *перен.* намудор (зоҳир) шудан (будан); **в его́ глаза́х ~лся ю́мор** дар чашмони вай шарораи ҳазлу шухӣ намудор буд

искрова́вить *сов. см.* **искровени́ть**

искровени́||ть *сов. кого-что разг.* 1. зада хуншор кардан, маҷруҳ (захмдор) кардан; **он ~л но́ги о ка́мни** вай пойҳояшро ба санг зада хуншор кард 2. хунолуд кардан, ба хун олуда кардан; ~**ть носово́й плато́к** даструймолчаро хунолуд кардан

искровени́ться *сов. разг.* 1. хуншор шудан, захмдор (ярадор) шудан 2. хунолуд шудан, ба хун олуда шудан

и́скровец *м полит.* искрачӣ, тарафдори «Искра» (*революционере, ки ба гуруҳи газетаи «Искра» ҳамроҳ буд*)

искрово́й, -а́я, -о́е *тех., эл.* шарорадор, ...и шарора, шарорагӣ; ~ **генера́тор** генератори шарорадор; ~ **разря́д** холишавии шарора

искрогаси́тель *м тех.* шарорагирак (*дар дудбарои паровозҳо, локомобильҳо ва ваграика, ки ба парида рафтани шарора монеъ мешавад*)

искромётн||ый, -ая, -ое *поэт.* 1. шарорапош, шарорабор, дурахшанда, пурчило; ~**ое вино́** винои хушранг 2. *перен.* дурахшон; аз ҳад афзун; ~**ое весе́лье** хушнудии аз ҳад афзун

искромса́||ть *сов. что разг.* 1. реза-реза (пора-пора, тикка-тикка) кардан, бетартиб буридан; ~**ть шёлк** шоҳиро тикка-тикка кардан 2. расво (хароб) кардан; **реда́ктор ~л статью** муҳаррир мақоларо хароб кард

искроулови́тель *м см.* **искрогаси́тель**

искроши́ть *сов.* 1. *что* майда (реза-реза) кардан; ~ **кусо́к хле́ба** як бурда нонро реза-реза кардан 2. *кого-что перен. разг.* аз дами шамшер гузарондан

искроши́||ться *сов.* майда (реза-реза) шудан; **зама́зка ~лась** замазка реза-реза шудааст

искупа́||ть I *сов. кого разг.* оббозӣ доронидан (кунондан); **мать ~ла дете́й** модар кӯдаконашро оббозӣ доронд

искупа́ть II *несов. см.* **искупи́ть**

искупа́ться I *сов. разг.* оббозӣ кардан; **бы́ло жа́рко, и мы реши́ли ~** ҳаво гарм буд ва мо оббозӣ карданӣ шудем

искупа́ться II *несов.* 1. *см.* **искупи́ться;** 2. *страд.* бахшида (омурзонида) шудан

искупи́тель *м книжн.* боиси кафоратшаванда, бахшонанда, омурзонанда

искупи́тельн||ый, -ая, -ое *книжн.* боиси кафоратшаванда, бахшонанда, омурзонанда; ~**ая же́ртва** қурбонии баҳри омурзиш

искупи́ть *сов. что* 1. кафорат кардан, бахшонидан, омурзонидан, гуноҳро шустан; ~ **свою́ вину́** гуноҳи худро шустан, худро сафед кардан 2. пур кардан, қусури чизеро баровардан, қусур гардондан (гирифтан)

искупи́||ться *сов.* 1. шуста (сафед) шудан; **его́ вина́ давно́ ~лась** гуноҳи вай кайҳо шуста шудааст 2. (*возместиться*) пур кардан, қусур гардондан (гирифтан)

искупле́ни||е *с* 1. кафорат, товон, ҷуброн; ~**е грехо́в** ҷуброни гуноҳҳо 2. қусургардонӣ, қусургирӣ; **наста́л час ~я** вақти қусургирӣ расид

иску́ривать *несов. см.* **искури́ть**

иску́риваться *несов.* 1. *см.* **искури́ться;** 2. *страд.* то охир кашида шудан (*оид ба тамоку ва ғ.*)

искури́ть *сов. что разг.* кашида тамом кардан, то охир кашидан (*мас. тамоку*); ~ **все папиро́сы** ҳамаи папиросҳоро кашида тамом кардан

искури́||ться *сов. разг.* кашида тамом шудан (*оид ба тамоку ва ғ.*); **весь таба́к ~лся** ҳамаи тамоку [аз кашидан] тамом шуд

иску́с *м* 1. (*испытание*) имтиҳон, санҷиш, озмоиш; **вы́держать ~ до конца́** ба санҷиш то охир тоб овардан 2. *уст.* (*искушение*) васваса

искуса́||ть *сов. кого-что* бисьёр (чанд ҷо) газидан (хоидан); **соба́ка ~ла прохо́жего** саг чанд ҷои роҳгузарро газид

искуси́тель *м книжн.* васвасакор, фиребанда, мафтункунанда, фаттон; **кова́рный ~** васвасакори маккор

искуси́ть *сов. уст. см.* **искуша́ть**

искуси́ться *сов. в чём уст.* усто (моҳир, ҳунарманд) шудан

иску́сник *м разг.* усто, моҳир, ҳунарманд; **он большо́й ~ на вся́кие поде́лки из де́рева** у дар сохтани ҳар гуна чизҳои чубин ҳунарманди калон аст

иску́сн||ый, -ая, -ое (иску́с|ен, -на, -но) 1. усто, моҳир, ҳунарманд, ҳозиқ; ~**ый стрело́к** тирандози моҳир; ~**ый столя́р** дуредгари моҳир; **она́ ~ая портни́ха** вай либосдузи моҳир аст 2. устокорона, моҳирона, ҳунармандона, санъаткорона; ~**ая резьба́ по де́реву** кандакории ҳунармандона дар руи чуб

иску́сственность *ж* 1. сунъӣ (маснуӣ, сохта, ориятӣ) будан(и) 2. сохтагӣ, ғайритабиӣ будан(и), ғайрисамимӣ будан(и); ~ **улы́бки** сохтагии табассум

иску́сственн||ый, -ая, -ое (иску́сствен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* сунъӣ, маснуӣ, сохта, ориятӣ; ~**ый же́мчуг** гавҳари сунъӣ; ~**ые зу́бы** дандонҳои ориятӣ 2. сохта, ғайритабиӣ, ғайрисамимӣ; ~**ый смех** хандаи ғайритабиӣ; ~**ая любе́зность** илтифоти ғайрисамимӣ

иску́сств||о *с* 1. санъат; **произведе́ние ~а** асари санъат; **изобрази́тельное ~о** санъати тасвирӣ; ~**о кино** санъати кино; **исто́рия ~а** таърихи санъат; **парти́йность ~а** партиявияти санъат 2. маҳорат, санъат; ~**о руково́дства** маҳора-

ти роҳбарӣ; **воённое ~о** санъати ҳарбӣ 3. *(умение, мастерство)* ҳунар, маҳорат, устогӣ; **~о игры́ на скри́пке** маҳорати скрипканавозӣ ◇ **прикладно́е ~о** санъати амалӣ; **из любви́ к ~у** софдилона, беғаразона; **по всем пра́вилам ~а** бо камоли маҳорат, ба таври бояду шояд

искусствове́д *м* санъатшинос

искусствове́дени||е *с* санъатшиносӣ; **до́ктор ~я** доктори санъатшиносӣ

искусствове́дческ||ий, -ая, -ое ..и санъатшиносӣ; **~ая литерату́ра** адабиёти санъатшиносӣ

искусствозна́ние *с уст. см.* **искусствове́дение**

иску́сывать *несов. см.* **искуса́ть**

иску́сываться *несов. страд.* бисьёр (аз чанд ҷо) газида шудан

искуша́ть *несов. кого-что* васваса (иғво) кардан, фиреб додан, гумроҳ кардан, аз роҳ баровардан ◇ ~ **судьбу́** *тақдирро санҷидан, бахтозмоӣ кардан,* таваккалан коре кардан

искуша́ться *несов. страд.* васваса карда шудан, фиреб дода шудан

искуше́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **искуша́ть)** васваса кардан(и), фиреб додан(и) 2. *(соблазн)* васваса, иғво; **вводи́ть в ~е** васваса кардан; **впада́ть в ~е, поддава́ться ~ю** ба васваса афтодан 3. *уст. (испытание)* санҷиш, озмоиш, имтиҳон

искушённый, -ая, -ое 1. *прич. уст.* васваса кардашуда, фиреб додашуда; санҷидашуда, озмудашуда, имтиҳон кардашуда 2. *прил.* пухта, корозмуда, кордида; ~ **в борьбе́ челове́к** одами дар мубориза пухта 3. *прил.* усто, моҳир, пуртаҷриба, пухта, кордон; ~ **педаго́г** педагоги моҳир ◇ ~ **о́пытом** пуртаҷриба, таҷрибадор

ислам *м рел.* ислом, дини ислом

ислами́зм *м рел.* системаи дини ислом

ислами́стский, -ая, -ое исломӣ, ...и ислом

исландец *м* исландӣ, исландиягӣ

исла́ндка *ж* исландизан, исландидухтар, зани (духтари) исландӣ

исла́ндский, -ая, -ое исландӣ, исландиягӣ, ...и Исландия; ~ **язы́к** забони исландӣ

исла́ндцы *мн.* исландиҳо, исландиягиҳо, халқи асосии Исландия

испа́ивать *несов. см.* **испои́ть**

испа́иваться *несов. страд.* нушонда [тамом карда] шудан

испа́костить *сов. что прост* 1. чиркин (олуда, ифлос) кардан; ~ **ко́мнату** хонаро чиркин кардан 2. *перен.* расво (вайрон) кардан, аз кор баровардан; ~ **де́ло** корро расво кардан

испа́кости||ться *сов. прост.* 1. чиркин (олуда, ифлос) шудан 2. *перен.* расво (вайрон) шудан, аз кор баромадан; **пого́да ~лась** ҳаво вайрон шуд

испа́нец *м* испанӣ, испаниягӣ

испанка I *ж* испанизан, испанидухтар, зани (духтари) испанӣ

испа́нка II *ж* испанка *(шакли махсуси вазнини грипп, ки аввалин бор дар Испания қайд карда шуда, дар солҳои 1918—1919 аксари мамлакатҳои дунёро фаро гирифта буд)*

испа́нский, -ая, -ое испанӣ, испаниягӣ, ...и Испания

испа́нцы *мн.* испаниҳо, испаниягиҳо, халқи асосии Испания

испаре́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **испари́ть)** буғ (бухор) кардан(и); *(по знач. гл.* **испари́ться)** буғ (бухор) шудан(и); **~е воды́** буғ (бухор) шудани об; **ме́дленное ~е** бухоршавии суст 2. *чаще мн.* **испаре́ния** буғ, бухор; **от земли́ поднима́лись ~я** аз замин буғ мебаромад

испа́рин||а *ж* арақ; **больно́й просну́лся в ~е** бемор арақ карда бедор шуд

испари́тель *м тех.* бухоркунак, буғкунак, буғронак

испари́тельн||ый, -ая, -ое бухоркунонанда; **~ая устано́вка** дастгоҳи бухоркунонанда

испари́ть *сов. что* буғ (бухор) кардан; ~ **жи́дкость** моеъро буғ кунондан

испари́||ться *сов.* 1. буғ (бухор) шудан, буғ (бухор) шуда паридан; **роса́ ~лась** шабнам бухор шуда парид 2. *перен. шутл.* ғайб задан, бедарак (нест) шудан; **все его́ стра́хи ~лись** тамоми тарсу бими у нест шуд; **он то́тчас ~лся** у якбора ғайб зад

испаря́емость *ж* буғшавандагӣ, бухоршавандагӣ

испаря́ть *несов. см.* **испари́ть**

испаря́ться *несов.* 1. *см.* **испари́ться;** 2. *страд.* буғ (бухор) карда шудан

испа́чкать *сов. кого-что* олондан, олуда (ифлос, чиркин) кардан; ~ **ру́ки черни́лами** дастҳоро бо сиёҳӣ олондан

испа́чкаться *сов.* олуда (ифлос, чиркин) шудан; ~ **в кра́ске** ба ранг олуда шудан

испепели́||ть *сов. что* 1. сузонда (сухта) хокистар кардан, сузонда хокистар гардонидан, сузондан; **враг ~л дере́вню** душман деҳаро сузонда хокистар гардонид 2. *перен.* афгор кардан; хароб (об) кардан; **го́рести и печа́ли ~ли его́ се́рдце** ғаму андуҳ дили ӯро об кард; **~ть взгля́дом** бо теғи чашм (нигоҳ) куштан

испепели́||ться *сов.* 1. сухта хокистар шудан (гаштан), сухтан; **бума́га ~лась** коғаз сӯхта хокистар шуд 2. *перен.* афгор шудан; соф шудан, об шудан

испепеля́ть *несов. см.* **испепели́ть**

испепеля́ться *несов.* 1. *см.* **испепели́ться;** 2. *страд.* сузонда (сухта) хокистар карда шудан

испестри́||ть *сов. что разг.* 1. рангоранг (ало-було) кардан 2. пур кардан; **он ~л кни́гу поме́тами** вай китобро бо қайду аломатҳо пур кард

испе́чь *сов. что* пухтан; ~ **хлеб** нон пухтан ◇ **вновь испечённый** *шутл.* навбаромад

испе́чься *сов.* пухта шудан, пухтан; **хлеб испёкся** нон пухт

испещр||и́ть *сов. что* 1. рангоранг (ало-було) кардан; **бума́га ~ена́ черни́льными пя́тнами** коғаз бо доғҳои сиёҳӣ лаккадор шудааст 2. пур кардан; **кла́ссная доска́ была́ ~ена́ фо́рмулами** тахтаи синф бо формулаҳо пур карда шуда буд

испещря́ть *несов. см.* **испещри́ть**

испещря́ться *несов. страд.* рангоранг (ало-було) карда шудан; пур карда шудан

испива́ть *несов. см.* **испи́ть**

испи́ливать *несов. см.* **испили́ть**

испи́ливаться *несов.* 1. *см.* **испили́ться;** 2. *страд.* арра карда шудан, арра карда тамом карда шудан

испили́||ть *сов. что* арра карда шудан, арра карда тамом кардан; **мы ~ли все дрова́** мо ҳамаи ҳезумро арра кардем

испили́ться *сов. разг. (прийти в негодность)* хӯрда шудан, аз кор баромадан *(оид ба арра)*

исписа́||ть *сов. что* 1. навишта пур кардан; **ма́льчик ~л всю тетра́дь** писарбача тамоми дафтарро навишта пур кард 2. *разг.* навишта сарф кардан, ба *навиштан сарф кардан;* **мы ~ли це́лую буты́лку черни́л** як шиша сиёҳиро ба навиштан сарф кардем

исписа́||ться *сов. разг.* 1. ба навиштан сарф шудан, аз бисьёр навиштан тамом шудан; аз кор баромадан; **каранда́ш ~лся** қалам аз бисьёр навиштан тамом шуд; **перо́ ~лось** ручка аз кор баромад 2. лаёқати эҷодиро гум кардан; **компози́тор ~лся** бастакор лаёқати эҷодиашро гум кард

испи́сывать *несов. см.* **исписа́ть**

испи́сываться *несов.* 1. *см.* **исписа́ться;** 2. *страд.* навишта пур карда шудан; навишта сарф карда шудан

испит||о́й, -а́я, -о́е *разг.* лоғар, хароб, пажмурда; **~о́е лицо́** руи пажмурда

испи́ть *сов.* 1. *чего и без доп. обл. и прост.* нушидан; ~ **води́цы** об нӯшидан 2. *что уст. (выпить всё)* нушида тамом кардан 3. *что перен.* аз сар гузаронидан, дидан, хис кардан; ~ **всю го́речь разлу́ки** тамоми талхии ҳиҷронро чашидан (дидан) ◇ ~ **[го́рькую] ча́шу до дна** азобу укубати бисьёре кашидан, талхии зиндагиро чашидан

исплава́||ть *сов. что разг.* шино карда баромадан; **он ~л все моря́** вай ҳамаи баҳрҳоро шино карда баромад

испла́каться *сов. прост.* бисьёр ашкрезӣ карда аз ҳол рафтан

исповеда́льня *ж* тавбахона *(дар калисои католики)*

исповеда́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **испове́довать** 1, 3) тавба кунондан(и); эътиқод дoштан(и), пайравӣ кардан(и) 2. *книжн.* мазҳаб, дин; **католи́ческое** ~ мазҳаби католикӣ

испове́дать *сов., несов. уст. см.* **испове́довать**

испове́даться *сов. уст. см.* **испове́доваться** 1

испове́дник *м церк.* 1. тавбагар 2. рӯҳонӣ, кашиш, поп

испове́довать *сов., несов.* 1. *кого церк.* омурзидан 2. *перен. разг. шутл.* исроркорона пурсуков кардан; **он нача́л меня́ ~ — где я был, что я де́лал** у маро исроркорона пурсуков кардан гирифт, ки дар куҷо будам, чӣ кор кардам 3. *что церк.* омурзиш хостан

4. *что кому перен.* софдилона рози дил гуфтан 5. *несов. что книжн.* эътиқод доштан, пайрави кардан; ~ **буддизм** буддай будан (шудан)

исповедоваться 1. *сов., несов. кому, у кого церк.* омурзиш хостан (талабидан) 2. *кому, перед кем перен.* софдилона рози дил гуфтан 3. *несов. страд.* омурзида шудан; исроркорона пурсуков карда шудан

исповедь *ж* 1. *церк.* омурзиш 2. *перен.* розидилгуӣ, иқрори софдилона; **он выслушал мою** ~ вай рози дили маро гуш кард

испоганивать *несов. см.* **испоганить**

испоганиваться *несов.* 1. *см.* **испоганиться;** 2. *страд.* ифлос (чиркин, олуда) карда шудан

испоганить *сов. кого-что прост.* ифлос (чиркин, олуда, ҳаром, мурдор) кардан; ~ **помоями чистое ведро** сатили ҳалолро бо чиркоба ҳаром кардан

испоганиться *несов. прост.* ифлос (чиркин, олуда, ҳаром, мурдор) шудан

испод *м обл.* таг, таги ягон чиз; тарафи чаппа

исподволь *нареч. разг.* оҳиста-оҳиста, андак-андак, кам-кам; **ребёнка** ~ **готовили к школе** бачаро кам-кам ба мактаб тайёр мекарданд; **завести разговор** ~ аз дур суҳбат сар кардан

исподлобья *нареч.* қавоқ андохта, аз зери чашм; **глядеть** ~ қавоқ андохта (беилтифотона) нигоҳ кардан

исподнизу *нареч. разг.* аз таг, дар таг буда; **глина** ~ **была совсем сухой** лои таг тамоман сахт (хушк) буд

исподн||ий, -яя, -ее *прост.* 1. ...и таг, зерин; ~**ее бельё** либоси таг 2. чаппа, ...и тарафи чаппа; **он вывернул рубаху на** ~**юю сторону** вай тарафи чаппаи куртаро гардонд 3. *в знач. сущ.* **исподнее** *с* либоси таг

исподники *тк. мн. обл. и прост.* эзори мардона

исподница *ж обл. и прост.* юбкаи таг; куртаи таг *(занона)*

исподтишка *нареч. разг.* рустӣ, пинҳонӣ, аз таги остин, нафаҳмонида, дуздида; **действовать** ~ пинҳонӣ амал кардан; **он посматривал на нас** ~ у ба мо дуздида нигоҳ мекард

испойть *сов. что разг.* нушонда тамом кардан

испокон: ~ **века (веку, веков)** аз қадим, аз қадим боз, аз қадимулайём, аз [рӯзи] азал; **так заведено** ~ **веку** аз қадим боз расму қоида ҳамин аст

исполать *межд. уст.* шаъну шараф, ҳамду сано бод; ~ **тебе!** шаъну шараф ба ту!

исползать *сов. что разг.* гавак кашида рафтан, хазида бāромадан, чорпо гаштан; ~ **весь пол в поисках чего-л.** дар ҷустуҷӯи чизе тамоми руи хонаро гавак кашида баромадан

исполин *м книжн.* 1. бузургҷусса, паҳлавон, баҳодур, қавиҳайкал 2. *перен.* одами бузург, муаззам; ~ **мысли** мутафаккири бузург; ~**ы науки** бузургони илму фан

исполинск||ий, -ая, -ое 1. бузургҷусса, ...и паҳлавон, паҳлавонона, ...и баҳодур, баҳодурона, ...и қавиҳайкал; ~**ий рост** қаду қомати паҳлавонона 2. хеле калон, бузург, азим; ~**ие замыслы** ниятҳои бузург; ~**ие реки** дарьёҳои азим

исполком *м* (исполнительный комитет) комиҷроия (комитети иҷроия)

исполкомовск||ий, -ая, -ое *разг.* ...и комиҷроия; ~**ие работники** коркунони комиҷроия

исполкомский, -ая, -ое *см.* **исполкомовский**

исполнени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **исполнить** I) иҷро кардан(и), ба ҷо овардан(и); навохтан(н); *(по знач. гл.* **исполниться** I) иҷро шудан(и), ба вуҷуд омадан(н); ~**е поручения** иҷрои супориш; ~**е долга** адои вазифа; ~**е сонаты для скрипки** навохтани сонатаи скрипка; **обеспечивать** ~**е решения** иҷрои қарорро таъмин кардан 2. *(качество)* сифат; **работа отличается изяществом** ~**я** кор сифати аъло дорад ◇ ~**е желаний** ҳусули мурод; **в (во)** ~**е чего-л.** *офиц.* барои иҷрои чизе; **привести в** ~**е** ба иҷро расондан

исполненн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* иҷро кардашуда, ба ҷо овардашуда; буд кардашуда 2. *прил.* пур аз...; ~**ая печали песня** суруди пур аз гаму андуҳ

исполнимость *ж* иҷрошаванда (қобили иҷро) будан(и), иҷрошавандагӣ; ~ **просьбы** қобили иҷро будани илтимос

исполним||ый, -ая, -ое (исполним, -а, -о) иҷрошаванда, иҷро карда мешудагӣ, қобили иҷро; ~**ая просьба** хоҳиши иҷрошаванда

исполнител||ь *м* 1. иҷрогар, иҷрокунанда, баҷооваранда, будкунанда, адокунанда; **аккуратный** ~**ь** иҷрогари покизакор 2. *театр., муз.* иҷрокунанда, навозанда, сароянда; ~**ь роли Онегина** иҷрокунандаи роли Онегин; **действующие лица и** ~**и** *театр.* иштирокунандагон ва иҷрокунандагони рольҳо ◇ **судебный** ~**ь** иҷрочии суд

исполнительница *женск. к* **исполнитель**

исполнительность *ж* серғайратӣ, покизакорӣ, вазифашиносӣ; **он отличается большой** ~**ю** у хеле вазифашинос аст

исполнительн||ый, -ая, -ое (исполните|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* иҷроия, иҷрокунанда; ~**ая власть** ҳокимияти иҷроия; ~**ые органы** органҳои иҷроия 2. пухтакор, покизакор, серғайрат, вазифашинос; ~**ый работник** коркуни вазифашинос ◇ ~**ая команда** командаи иҷро *(барои сар кардани коре)*; ~**ый лист** *юр.* варақаи иҷро

исполнительск||ий, -ая, -ое ...и иҷрокунанда, ...и иҷрокунандагӣ; ~**ое мастерство** маҳорати иҷрокунандагӣ

исполнительство *с театр., муз.* иҷрокунандагӣ

исполни||ть I *сов. что* 1. иҷро кардан, ба ҷо (ба вуҷуд, ба амал) овардан; буд (адо) кардан; **он** ~**л своё намерение** вай мақсадашро ба ҷо овард 2. *театр., муз.* иҷро кардан, навохтан, сурудан; ~**ть романс** романс сурудан; ~**ть народный танец** рақси халқиро иҷро кардан

исполн||ить II *сов. кого-что чем, чего уст.* пур кардан; **воздух был** ~**ен аромата** ҳаво пур аз накҳат буд; **её голос** ~**ен грустью** овози у пур аз андуҳ аст

исполни||ться I *сов.* 1. иҷро шудан, ба вуҷуд (ба амал) омадан; буд (адо) шудан; **мои надежды не** ~**лись** ман ба орзуҳоям нарасидам 2. *(о времени, сроке)* гузаштан, тамом шудан, мурур кардан; **скоро** ~**тся десять лет, как я здесь живу** ба наздикӣ даҳ сол мешавад, ки ман дар ин ҷо зиндагӣ мекунам // *кому-чему безл.* пур шудан, расо шудан; **вчера ему** ~**лось шестнадцать лет** дина вай шонздаҳсола шуд

исполни||ться II *сов. чем, чего уст.* пур шудан; **моё сердце** ~**лось надеждой** дилам лабрези умед шуд

исполнять I, II *несов. см.* **исполнить** I, II

исполняться I *несов* 1. *см.* **исполниться** I; 2. *страд.* иҷро карда шудан, ба вуҷуд (ба амал) оварда шудан

исполняться II *несов.* 1. *см.* **исполниться** II; 2. *страд.* пур карда шудан

исполосовать *сов.* 1. *что* тасма-тасма буридан, қалам-қалам (тилим-тилим) кардан; ~ **ткань** матоъро тасма-тасма буридан 2. *что перен.* бурма-бурма кардан; **его лицо было исполосовано морщинами** рун у аз оҷанг бурма-бурма шуда буд 3. *кого-что* қамчинкорӣ кардан, бо қамчин зада тилим-тилим (хуншор) кардан; ~ **до крови** бо қамчин зада хуншор кардан

исполу *нареч. уст.* [бо ягон кас] шарикӣ, нисфикорӣ *(коре кардан)*

использовани||е *с (по знач. гл.* **использовать)** истифода кардан(и), истифодабарӣ, фоидабарӣ, корфармоӣ, истеъмол; **Комитет ООН по мирному** ~**ю космического пространства** Комитети Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид оид ба истифодаи муҳити кайҳон барои сулҳ; ~**е атомной энергии в мирных целях** истифодаи қувваи атом ба мақсадҳои осоиш; ~**е новейших достижений науки** истифодаи комьёбиҳои навтарини илм; ~**е резервов производства** истифодаи захираҳои истеҳсолот

использова||ть *сов., несов. кого-что* истифода кардан, истифода (фоида) бурдан, кор фармудан, истеъмол кардан; ~**ть опыт новаторов** аз таҷрибаи навоварон фоида бурдан; **его** ~**ли в качестве переводчика** уро ба сифати мутарҷим истифода карданд; ~**ть землю** заминро истифода кардан

использ||оваться *несов.* 1. истеъмол шудан; **нефть** ~**уется как сырьё для получения керосина, бензина и т. п.** нафт чун ашъёи хом барои истеҳсоли карасин, бензин ва ғ. истеъмол мешавад 2. *страд.* истифода (истеъмол) карда шудан

испольничать *несов. ист.* шарикӣ (нисфикорӣ, чорьяккорӣ) кардан

испо́льн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и шарикӣ, ...и нисфикорӣ, ...и чорьяккорӣ; **~ая аре́нда** чорьяккорӣ

испо́льщик *м ист.* чорьяккор, деҳкони чорьяккор

испо́льщина *ж ист.* шарикӣ, нисфикорӣ, чорьяккорӣ

испо́рти||ть *сов.* 1. *что* вайрон (хароб) кардан, аз кор баровардан; **~ть телефо́н** телефонро вайрон кардан; **~ть замо́к** қуфлро аз кор баровардан 2. *что* бад (ганда, вайрон, нофорам, ногувор) кардан; **~ть отноше́ния** муносибатро вайрон кардан; **письмо ~ло ему́ настрое́ние** мактуб димоғи уро сузонд 3. *кого-что* фосид (расво, вайрон, ганда) кардан, бадахлок кардан, ба роҳи бад андохтан; **его́ ~ло дурно́е воспита́ние** тарбияи бад уро вайрон кард 4. *кого уст.* (*навести порчу*) осеб расондан ◇ **~ть кровь кому́-л.** касеро оташин кардан; [**всю**] **обе́дню ~ть кому́-л.** айши касеро талх кардан, дуд аз димоғи касе баровардан

испо́рти||ться *сов.* 1. вайрон (хароб) шудан, аз кор баромадан; **часы ~лись** соат вайрон шуд; **к весне́ доро́га ~лась** қарибиҳои баҳор роҳ вайрон шуд 2. бад (ганда, вайрон, нофорам, ногувор) шудан; **погода ~лась** ҳаво вайрон шуд; **у него́ ~лся хара́ктер** феълу хуи у бад шуд 3. фосид (расво, вайрон, ганда) шудан, бадахлок шудан, ба роҳи бад афтидан; **ребёнок без надзора совсе́м ~лся** кудак бе назорат монда тамоман бесар шуд

испо́рченность *ж* вайронӣ, расвоӣ; **~ нра́вов** вайронии ахлок

испо́рченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* вайрон (хароб) кардашуда, аз кор баровардашуда 2. *прил.* вайрон, ганда, хира; **~ый кран** крани вайрон; **~ое зре́ние** чашми хира; **~ая рыба** моҳии гандида 3. *прил.* бад, ганда, ногувор; **~ое настрое́ние** димоғи сухта 4. *прил.* расво, бадахлоқ(она); **~ое воображе́ние** тасаввуроти бад (фосид) ◇ **~ый до мо́зга косте́й** ахлоқан тамом вайроншуда

испохабить *сов. что прост.* расво (ҳаром, мурдор) кардан

испо́шлить *сов. что разг.* расво (фачу бемаза, қабеҳ, вайрон) кардан; **~ идею** идеяро расво кардан

испо́шлиться *сов. разг.* расво (фачу бемаза, қабеҳ, вайрон) шудан

исправи́м||ый, -ая, -ое (исправи́м, -а, -о) ислоҳшаванда, қобили ислоҳ, дурустшаванда, ислоҳпазир; **э́то де́ло ~о** ин кор ислоҳпазир аст

исправи́тельно-трудов||о́й, -ая, -о́е ...и ислоҳи меҳнатӣ, ...и бо меҳнат ислоҳкунанда; **приговори́ть к ~ым рабо́там** ба корҳои ислоҳи меҳнатӣ маҳкум кардан

исправи́тельн||ый, -ая, -ое ...и ислоҳ, ислоҳкунанда; **~ые ме́ры** чораҳои ислоҳ

исправ||ить *сов.* 1. *что* ислоҳ (дуруст, таъмир, соз) кардан; **~ить телефо́н** телефонро дуруст кардан 2. *что* ислоҳ (тасҳеҳ, дуруст) кардан, бартараф кардан; **он ~ил свою оши́бку** вай хатояшро ислоҳ кард 3. *кого-что* ислоҳ (дуруст, беҳтар, нағз) кардан; **~ить хара́ктер** феълу хуро беҳтар (дуруст) кардан

испра́ви||ться *сов.* ислоҳ (дуруст, беҳтар, нағз) шудан; **он ~лся** вай ислоҳ шуд

исправле́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **испра́вить**) ислоҳ (дуруст, таъмир, соз) кардан(и); (*по знач. гл.* **испра́виться**) ислоҳ (дуруст, беҳтар, нағз) шудан(и); 2. (*поправка*) тасҳеҳ, ислоҳ; **в текст внесены ~я** ба матн тасҳеҳот дароварда шудааст

исправля́||ть *несов.* 1. *см.* **испра́вить**; 2. *что уст.* вазифаро иҷро (адо) кардан; **он ~л обязанности секретаря́** вай вазифаи котибиро адо мекард

исправля́ться *несов.* 1. *см.* **исправиться**; 2. *страд.* ислоҳ (дуруст) карда шудан

исправник *м уст.* исправник (*сардори полицияи уезд дар Россияи пешазреволюционӣ*)

испра́внический, -ая, -ое *уст.* исправникӣ, ...и исправник; **~ пост** мансаби исправникӣ

исправничий, -ья, -ье *см.* **исправнический**; **~ дом** хонаи исправник

исправность *ж* 1. дурустӣ, бекамукостӣ; **~ электропрово́дки** дурустии сими электр 2. (*исполнительность*) ғайратнокӣ, серғайратӣ, покизакорӣ, вазифашиносӣ

исправн||ый, -ая, -ое (испра́в|ен, -на, -но) 1. дуруст, беайб, бекаму кост, бенуқсон; **~ый стано́к** дастгоҳи дуруст; **~ая ме́бель** мебели бенуқсон 2. бағайрат, покизакор, ҳалолкор, вазифашинос; **~ый работник** коркуни ҳалолкор

испражнение *с* 1. (*по знач. гл.* **испражни́ться**) дастбахоккунӣ, саргин кардан(и) 2. *тк. мн.* **испражнения** наҷосат, саргин, пору, пасафканд

испражни́ться *сов.* қазои ҳоҷат (даст ба хок) кардан, саргин (наҷосат) кардан

испражняться *несов. см.* **испражни́ться**

испрашивать *несов.* 1. *см.* **испроси́ть**; 2. *что, чего уст.* пурсидан, илтимос (хоҳиш) кардан; **~ разреше́ния** рухсат пурсидан

испра́шиваться *несов. страд.* пурсида шудан, илтимос (хоҳиш) карда шудан

испро́бова||ть *сов.* 1. *что* санҷидан, имтиҳон (озмоиш) кардан; кор фармуда дидан; **~ть новый стано́к** дастгоҳи навро санҷидан; **~ть новый ме́тод лече́ния** усули нави муолиҷаро озмудан 2. *чего уст. разг.* чашидан, чашида дидан, мазаи чизеро дидан; **испро́буйте пирога́** пирогро чашида бинед 3. *чего* чашидан, аз сар гузарондан, таҷриба карда дидан; **он мно́го ~л за свою жизнь** у дар ҳаёти худ бисёр чизҳоро аз сар гузарондааст

испроси́ть *сов. что уст.* пурсида (талабида) гирифтан, илтимос (хоҳиш) карда гирифтан; **~ согла́сие** розигӣ гирифтан

испрями́ть *сов. что разг.* рост (туғрӣ) кардан

испрями́ться *сов. разг.* рост (туғрӣ) шудан

испрямля́ть *несов. см.* **испрями́ть**

испрямля́ться *несов.* 1. *см.* **испрями́ться**; 2. *страд.* рост (туғрӣ) карда шудан

испря́||сть *сов. что разг.* ресидан, ресида сарф (тамом) кардан; **она́ ~ла всю шерсть** вай ҳамаи пашмро ресида тамом кард

испрясться *сов. разг.* ресида сарф (тамом) шудан

испу́г *м* тарс, ваҳм, бим, ҳарос, ваҳшат; **отшатну́ться в ~е** аз тарс худро ба як су андохтан; **он убежал с ~у** вай аз тарс (тарсида) гурехта рафт ◇ **брать (взять) на ~ кого́-л.** касеро тарсондан, ба касе дуғ задан

испу́ганн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тарсондашуда, ваҳмондашуда, ҳаросондашуда 2. *прил.* тарсида, ҳаросида, рамида; **~ая дичь вы́летела из-под ног охо́тников** сайди ҳаросида аз зери пои шикорчиён парида рафт 3. *прил.* ҳаросон, тарсон; **~ые глаза** чашмони ҳаросон

испуга́ть *сов. кого-что* тарсондан, ваҳмондан, ҳаросондан, хусондан, рамондан; **~ ребёнка** кудакро тарсондан

испуга́||ться *сов.* тарсидан, ҳаросидан, хусидан, рамидан; **чего́ ты ~лся?** ту аз чӣ тарсидӣ?

испускание *с* (*по знач. гл.* **испусти́ть**) баровардан(и), паҳн кардан(и)

испуска||ть *несов.* 1. *см.* **испусти́ть**; 2. паҳн кардан, пошидан, афкандан; **солнце ~ет палящие лучи́** офтоб нурҳои сузон мепошад

испуска́ться *несов. страд.* бароварда шудан, паҳн карда шудан, пошида шудан

испусти́ть *сов. что* баровардан, паҳн кардан, бароварда фиристодан; **~ крик** фарьёд баровардан ◇ **~ дух (последний вздох)** ҷон додан, мурдан

испыта́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **испыта́ть**) санҷиш, озмоиш, таҷриба кардан(и); **~е нового препара́та** озмоиши доруи нав; **~я нейтро́нного ору́жия** озмоиши яроқи нейтронӣ 2. имтиҳон, санҷиш; **допусти́ть к ~ям** ба имтиҳон роҳ додан 3. бадбахтӣ, мусибат, дарду алам, ғам; **его́ жда́ли тяжёлые ~я** уро мусибатҳои вазнин дар пеш буд

испы́танн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* санҷидашуда, озмудашуда, аз имтиҳон гузашта, таҷриба кардашуда 2. *прил.* санҷида, озмуда, содиқ, эътимоднок; **~ый боёц** аскари озмуда; **~ые друзья** дустони содиқ

испыта́тель *м* санҷанда, озмоянда, имтиҳонкунанда; **лётчик-~** лётчики озмоишкор

испытательный, -ая, -ое санҷишӣ, ...и санҷиш, озмоишӣ, ...и озмоиш; **~ срок** муҳлати озмоиш; **~ полёт** парвози озмоишӣ

испыта́тельск||ий, -ая, -ое ...и санҷанда, ...и имтиҳонкунанда; **~ая каби́на** кабинаи (хоначаи) санҷиш

испыта́||ть *сов.* 1. *кого-что* санҷидан, озмудан, имтиҳон кардан, таҷриба кардан; **~ть самолёт** самолётро санҷидан; **~ть но́вый сорт семя́н** навъи нави тухмиро санҷидан 2. *что* чашидан, аз сар гузарондан, дидан; **он ~л мно́го го́ря** вай бисьёр мусибат дид ◇ **~ть на своём (на со́бственном) горбу́** аз сари худ гузарондан; **~ть что-л. на со́бственном о́пыте** чизеро аз сари худ гузарондан

испыту́емый, -ая, -ое *книжн.* санҷидашаванда, озмудашаванда, имтиҳон кардашаванда, таҷриба кардашаванда

испыту́ющий, -ая, -ее санҷанда, озмоянда, озмоишкунанда, озмоишкор(она); **~ взор** нигоҳи озмоишкорона

испы́тывать *несов.* 1. *см.* **испыта́ть**; 2. *что* ҳис кардан, мубтало (гирифтор, дучор) шудан; **~ чу́вство беспо́мощности** очизӣ ҳис кардан

испы́тываться *несов. страд.* санҷида (озмуда) шудан, имтиҳон карда шудан

испятна́ть *сов. что разг.* доғдор (лаккадор) кардан; **~ пла́тье черни́лами** ба курта сиёҳӣ резонда доғдор кардан

испятна́ться *сов. разг.* доғдор (лаккадор) шудан

исса́ливать *несов. см.* **исса́лить**

исса́ливаться *несов.* 1. *см.* **исса́литься**; 2. *страд.* равғанолуд карда шудан

исса́лить *сов. что разг.* равғанолуд кардан

исса́литься *сов. разг.* равғанолуд шудан

иссве́рливать *несов. см.* **иссверли́ть**

иссве́рливаться *несов. страд.* парма (шикоф) карда шудан

иссверли́ть *сов. что разг.* парма (шикоф) кардан, бо парма [ҳама ҷойро] шикоф кардан; **~ всю доску** тамоми тахтаро парма кардан

иссека́ть I, II *несов. см.* **иссе́чь** I, II

иссека́ться I *несов. страд.* тарошида шудан; бурида партофта шудан

иссека́ться II *несов. страд.* пора-пора (майда-майда, қима) карда шудан

и́ссера- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «хокистартоб»*: **~-си́ний** кабуди хокистартоб

иссече́ние *с* (*по знач. гл.* **иссе́чь** I 2) буридапартоӣ; **~ о́пухоли** бурида партофтани варам

иссе́чь I *сов. что* 1. *уст.* тарошидан; **~ ста́тую из мра́мора** аз мармар ҳайкал тарошидан 2. *мед.* бурида партофтан; **~ о́пухоль** варамро (омосро) бурида партофтан

иссе́||чь II *сов.* 1. *кого-что* пора-пора (майда-майда, қима, чок-чок, тилим-тилим) кардан; ғалбер кардан; **оско́лки ~кли́ сте́ны до́ма** тиккаҳои тири туп деворҳои хонаро ғалбер карданд 2. *что перен.* бурида гузаштан, бурма-бурма кардан; **его́ лоб ~кли́ морщи́ны** пешонаи ӯ пурчин аст 3. *кого уст.* (*исхлестать плетью и т. п.*) қамчинкорӣ кардан

и́ссиза- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «кабудчатоб»*: **~-се́рый** хокистарранги кабудчатоб

и́сси́ня- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «кабудча», «кабудтоб»*: **~-чёрный** сиёҳи кабудтоб

исследи́||ть *сов. что разг.* бо паи пой чиркин (ифлос) кардан; **де́ти ~ли пол** бачаҳо пои монда руи хонаро чиркин карданд

иссле́довани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **иссле́довать**) тадқиқ, таҳқиқ, тафтиш; дидаборӣ, муоина; **~е структу́ры по́чвы** таҳқиқи сохти хок; **~е А́рктики** таҳқики Арктика; **~е больно́го** муоинаи бемор 2. тадқиқот; **~е по хи́мии** тадқиқоти оид ба химия; **нау́чные ~я** тадқиқоти илмӣ; **совме́стные ~я** тадқиқоти якҷоя

иссле́довател||ь *м* муҳаққиқ, тадқиқотчӣ, таҳқиқотчӣ; **~и недр** тадқиқотчиҳои қаъри замин; **изве́стный поля́рный ~ь** таҳқиқотчии маъруфи қутб

иссле́довательск||ий, -ая, -ое ...и тадқиқот, тадқиқотӣ, ...и тадқиққунанда; **~ая рабо́та** кори тадқиқотӣ

иссле́дова||ть *сов., несов. кого-что* 1. тадқиқ (таҳқиқ, тафтиш) кардан; **~ть соста́в вещества́** таркиби моддаро таҳқиқ кардан 2. дидан, дида баромадан, муоина кардан, аз назар гузарондан; **~ть больно́го** беморро муоина кардан; **мы ~ли все окре́стности** мо тамоми гирду атрофро муоина кардем (аз назар гузарондем)

иссле́доваться *несов. страд.* тадқиқ (тафтиш) карда шудан; муоина карда шудан

иссле́живать *несов. см.* **исследи́ть**

иссле́живаться *несов. страд.* бо паи пой чиркин (ифлос) карда шудан

иссоли́ть *сов. что разг.* (*истратить на солку*) намак зада тамом кардан

иссо́х||нуть *сов.* 1. хушк шудан; **река́ ~ла** дарьё хушк шуд; **дере́вья в саду́ ~ли** дарахтони боғ хушкиданд 2. *перен.* хушк (қоқ) шудан, лоғар (хароб) шудан

и́сстари *нареч.* аз қадим, аз замонҳои қадим, аз [рузи] азал; хеле вақт боз; **здесь ~ бы́ли леса́** ин ҷо аз қадим ҷангалзор буд

исстега́ть *сов. кого разг.* тозиёна (камчинкорӣ) кардан; **~ ло́шадь кну́том** аспро қамчинкорӣ кардан

исстёгивать *несов. см.* **исстега́ть**

исстёгиваться *несов. страд.* тозиёна (камчинкорӣ) карда шудан

исстира́ть *сов. что разг.* шуста тамом кардан, ҷомашӯӣ карда тамом кардан, ба шустушуй сарф кардан

исстира́||ться *сов. разг.* шуста тамом шудан, ба шустушуй сарф шудан; **всё мы́ло ~лось** тамоми собун ба шустушуй рафт (сарф шуд)

исстира́ть

исстирывать *несов. см.* **исстира́ть**

исстирываться *несов.* 1. *см.* **исстира́ться**; 2. *страд.* шуста тамом карда шудан, ба шустушуй сарф карда шудан

исстра́гивать *несов. см.* **исстрога́ть**

исстра́гиваться *несов.* 1. *см.* **исстрога́ться**; 2. *страд.* бо рандакунӣ сарф карда шудан

исстрада́||ться *сов.* бисьёр азобу уқубат (азият) кашидан, аламзада шудан, ҷафо дидан; **~ться на чужби́не** дар ғарибӣ азобу уқубат кашидан; **он ~лся, ожида́я письма́** у дар интизории мактуб бисьёр азият кашид

исстра́чивать *несов. см.* **исстрочи́ть**

исстра́чиваться *несов. страд.* ба чокдузӣ (ба бахиякунӣ) сарф карда шудан

исстре́ливать *несов. см.* **исстреля́ть**

исстре́ливаться *несов. страд.* парронда тамом карда шудан

исстреля́ть *сов. что* 1. парронда тамом кардан; **~ все патро́ны** ҳамаи тирҳоро парронда тамом кардан 2. *разг.* тир парронда сурох-сурох (ғалбер) кардан; **~ мише́нь** ҳадафро бо тир ғалбер кардан

исстрога́ть *сов. что* рандакунон сарф (адо) кардан, ранда карда нобуд кардан (*мас. тахтаро*)

исстрога́ться *сов.* бо рандакунӣ сарф шудан

исстрочи́ть *сов. что* 1. *прост.* (*исписать*) навишта пур кардан 2. (*истратить при строчке*) ба чокдузӣ (бахиякунӣ) сарф кардан

исструга́ть(ся) *разг. см.* **исстрога́ть(ся)**

исступле́ние *с* худгумкунӣ, бехудӣ, изтироб, ошуфтагӣ, ҷунун; **прийти́ в ~** дучори ҳаяҷони шадид шудан

исступлённо *нареч.* худро гум карда, бехудона, дар ҳолати бехудӣ

исступлённость *ж* 1. ҳолати худгумкунӣ (бехудӣ) 2. ниҳоят сахт (шиддатнок) будан(и).

исступлённ||ый, -ая, -ое 1. худро гум карда, девонавор, пурҳаяҷон, ҳаяҷоннок; **~ые кри́ки толпы́** доду фарьёдҳои ҳаяҷонноки издиҳом; **~ый го́лос** овози пурҳаяҷон 2. (*необычайно сильный*) ниҳоят сахт (шиддатнок), аз ҳад зиёд; **~ое отча́яние** маъюсии том

иссуша́ть *несов. см.* **иссуши́ть**

иссуша́ться *несов.* 1. *см.* **иссуши́ться**; 2. *страд.* хушк (қоқ) карда шудан

иссуше́ние *с* (*по знач. гл.* **иссуши́ть**) хушк (қоқ) кардан(и); (*по знач. гл.* **иссуши́ться**) хушк (қоқ) шудан(и)

иссуши́||ть *сов.* 1. *что* хушк (қоқ) кардан; **зной ~л зе́млю** гармо заминро хушк кард; **~ть все грибы́** ҳамаи занбуруғро хушк кардан 2. *кого перен.* лоғар (хароб) кардан, бемадор кардан; **боле́знь ~ла его́** беморӣ вайро лоғар кард

иссуши́ться *сов.* хушк (қоқ) шудан

иссыха́ть *несов. см.* **иссо́хнуть**

иссяка́ть *несов. см.* **исся́кнуть**

исся́к||нуть *сов.* 1. хушк (қоқ) шудан; **родни́к исся́к** чашма хушк шуд 2. тамом (адо) шудан; **си́лы ~ли** қувва тамом шуд; **де́ньги ~ли** пул тамом шуд (намонд)

иста́ивать *несов. см.* **истая́ть**

иста́пливать I, II *несов. см.* **истопи́ть** I, II

иста́пливаться I *несов.* 1. *см.* **истопи́ться** I; 2. *страд.* гарм карда шудан, олав карда шудан

иста́пливаться II *несов.* 1. *см.* **истопи́ться** II; 2. *страд.* об карда шудан

истáптывать *несов. см.* **истоптáть**

истáптываться *несов.* 1. *см.* **истоптáться**; 2. *страд.* поймол (лагадкуб) кардан

истáсканн||ый, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* кӯҳна кардашуда, бисьёр кор фармудашуда 2. *прил.* кӯҳна, нимдошт, фасурда; ~**ые башмакú** кафшҳои кӯҳна 3. *прил. перен.* забонзадшуда, аз даҳон монда, обшуста; ~**ая песня** суруди забонзадшуда 4. *прил. перен.* лоғар, фартут, хароб, пажмурда; ~**ое лицó** рӯи пажмурда

истаскá||ть *сов. что разг.* 1. пушида кӯҳна (нимдошт) кардан, бисьёр кор фармуда кӯҳна кардан, дарронда; **он быстро ~л костю́м** у костюмро тез кӯҳна кард 2. *перен.* забонзад кардан, расво (бемаза) кардан (*аз такрори зиёд*)

истаскá||ться *сов. разг.* 1. хурда, (кӯҳна) шудан, дастзада шудан, аз кор баромадан 2. *перен.* лоғар (фартут, пажмурда) шудан

истаскивать *несов. см.* **истаскáть**

истáскиваться *несов.* 1. *см.* **истаскáться**; 2. *страд.* кӯҳна (нимдошт) карда шудан

истáчивать *несов. см.* **источúть** 1

истáчиваться *несов.* 1. *см.* **источúться**; 2. *страд.* бисьёр чарх дошта аз кор баровaрда шудан

истая||ть *сов.* 1. об шудан; **снег ~л на солнце** барф дар офтоб об шуд 2. *перен.* тамом (адо, соф) шудан; **дéньги бы́стро ~ли** пул зуд тамом шуд, пул об барин рафт 3. *перен.* лоғар (хароб) шудан, обу адо шудан; **он ~л на глазáх** у дар пеши назар обу адо шуд

истекáть *несов. см.* **истéчь**

истéкш||ий, -ая, -ее *прич., прил.* гузашта, тамомшуда, мурурқарда; **в ~ем мéсяце** дар моҳи гузашта; **за ~ий год** дар [зарфи] соли гузашта

истерéть *сов. что разг.* 1. сондан, судан, тарошидан; ~ **мел** бурро соидан 2. молида хурда (фит) кардан; ~ **резúнку** резинкаро фит кардан 3. хурда кардан, кӯҳна (фасурда) кардан; ~ **лóкти у плáтья** оринҷи куртаро хурда кардан 4. заноидан, маъюб (маиб) кардан; **он истёр себé нóги во врéмя похóда** у ҳангоми сафар пояшро обила кунонд (пусти пояшро занонд) 5. *уст.* кӯр (нохоно) кардан, несту нобуд (ба хок яксон) кардан; **врéмя истёрло нáдпись на пáмятнике** бо мурури замон хати ҳайкал кур (нохоно) шудааст ◇ ~ **в** [**мéлкий**] **порошок** *кого* ба хок яксон кардан

истерéться *сов. разг.* 1. соида (хурда, фит) шудан; **жернова истёрлись** санги осиёб хурда шуд 2. кӯҳна (фасурда) шудан; **воротнúк рубáшки истёрся** гиребони куртa кӯҳна шуд 3. *уст.* кур (нохоно) шудан, нобуд шудан; **надпись истёрлась** хат кур шудааст

истéрзанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* даррондашуда, пора-пора кардашуда 2. *прил.* ярадор, маҷруҳ 3. *прил.* баднамо (бадшакл, вайрон, абгор) гардида; ~**ые стволы́ дерéвьев** танаҳои абгор гардидаи дарахтон 4. *прил.* дарида, чиғда-чиғда, пора-пора, лах-лах; ~**ая одéжда** пушоки чиғда-чиғда

истерзá||ть *сов.* 1. *кого* даррондан, пора-пора кардан, тамоман захмдор (маҷруҳ, ярадор) кардан; **вóлки ~ли корóву** гургон модагаворо пора-пора карданд 2. *что* вайрон кардан, шикастан, пора-пора кардан, баднамо (бадшакл) кардан; **ребёнок ~л кýклу** кӯдак зочаро шикаста пора-пора кард 3. *что* (*изорвать*) даридан, чиғда-чиғда (пора-пора, лах-лах) кардан 4. *кого-что* азоб (азият) додан, ҷигархун кардан; **его ~ли сомнения** шакку шубҳа уро азият дод

истерзá||ться *сов.* дилреш шудан, азоб (азият) кашидан; **он ~лся от тоскú** у аз ғаму андуҳ дилреш шуд

истéрик *м разг.* зиёндор, ғашдор, ҷунундор, асабонӣ

истéрик||а *ж* зиён, зиёнгирӣ, ғашкунӣ, ҷунунгирӣ; **впадать в ~у, закатывать ~у** ғаш кардан, ҷунун гирифтан

истерúческ||ий, -ая, -ое 1. ...и зиёнгирӣ, ...и ғашкунӣ, ...и ҷунунгирӣ; ~**ий припáдок** зиёнгирӣ, ғашкунӣ 2. зиёндор, гирифтори ҷунун; ~**ая жéнщина** зани зиёндор 3. зиёндорона, ҷунундорона; ~**ий смех** хандаи зиёндорона

истерúчка *женск. к* **истéрик**

истерúчность *ж* зиёндорӣ, ғашдорӣ, ҷунундорӣ

истерúчный, -ая, -ое (истерúч|ен, -на, -но) зиёндор, ғашдор, ҷунундор; ~ **человéк** одами ҷунундор

истерúя *ж* 1. *мед.* зиён, ғаш, ҷунун 2. *перен.* васваса; **воéнная** ~ васвасаи ҷанг

истёрт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хӯрдашуда, судашуда, фит кардашуда; занонда, маъюб (маиб) кардашуда; кур (нохоно) кардашуда 2. *прил.* фитшуда, кӯҳнашуда, суда; ~**ая монéта** тангаи фитшуда; ~**ые половикú** пойандози кӯҳнашуда 3. *прил. перен.* забонзадшуда; ~**ые фразы** ибораҳои забонзадшуда 4. *прил* кур, куршуда, нохоно; ~**ые нáдписи на пáмятниках** хатҳои куршудаи лавҳаҳо

истесáть *сов. что* тарошида сарф кардан; ~ **дóску** тахтаро тарошида сарф кардан

истёсывать *несов. см.* **истесáть**

истёсываться *несов. страд.* тарошида сарф карда шудан

истéц *м юр.* даъвогар

истечéни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **истéчь** 1) рехтан(и), рехта рафтан(и), шоридан(и); ~**е нéфти** шоридани нафт 2. гузаштан(и), буд (тамом) шудан(и), мурур; ~**е срóка полномóчий** гузаштани мӯҳлати ваколат; **по ~и испытáтельного срóка** баъд аз буд шудани муҳлати санҷиш; **за ~ем врéмени** бинобар гузаштани вақт (муҳлат)

истé||чь *сов.* 1. *уст.* рехтан, рехта рафтан, шоридан 2. гузаштан, буд (тамом) шудан, мурур кардан; **вáше врéмя ~кло** вақтатон тамом шуд 3. *чем* суст (бемадор, беҳол) шудан; ~**чь крóвью** аз хунравӣ бемадор шудан; ~**чь слезáми** аз ашкрезӣ беҳол шудан

и́стин||а *ж* 1. ҳақиқат, ҳақ, ростӣ; **гóлая ~а** ҳақиқати маҳз (холис); **гóрькая ~а** ҳақиқати талх; **откры́ть ~у** ҳақиқатро гуфтан 2. *филос.* ҳақиқат; **объектúвная ~а** ҳақиқати объективӣ; **абсолю́тная ~а** ҳақиқати мутлақ 3. нукта, гап; **изби́тая ~а** гапи забонзадшуда; **неопровержúмая ~а** гапи раднопазир ◇ **напрáвить** (**настáвить**) **на путь ~ы** *кого* ҳидоят кардан, ба суи ҳақ раҳсипор кардан

и́стинно 1. *нареч.* ҳақиқатан, воқеан; ~ **так** воқеан ҳамин тавр аст 2. *в знач. вводн. сл. прост.* ҳақиқатан, дар ҳақиқат, дар вокеъ, воқеъан; ба ростӣ

и́стинность *ж* 1. ростӣ, ҳақиқӣ будан(и); ~ **суждéния** ростии мулоҳиза 2. ҳақиқӣ будан(и); ~ **пóдлинника** ҳақиқӣ будани нусхаи асл

и́стинн||ый, -ая, -ое (и́стин|ен, -на, -но) 1. рост, ҳақиқӣ, ҳақ; ~**ое суждéние** мулоҳизаи рост 2. ҳақиқӣ, аслӣ, дуруст; **э́то ~ая прáвда** ин айни ҳақиқат аст; ~**ый друг** дусти ҳақиқӣ; ~**ый талáнт** истеъдоди ҳақиқӣ 3. ҳақиқӣ, аслӣ; ~**ое врéмя** вақти ҳақиқӣ; ~**ый горизóнт** уфуқи ҳақиқӣ ◇ **напрáвить** (**настáвить**) **на путь ~ый** *кого* ҳидоят кардан, насиҳат карда ба роҳи дуруст андохтан

истирáемость *ж см.* **истирáние** 2

истирáни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **истерéть**) суда кардан(и); молида хурда (фит) кардан(и); (*по знач. гл.* **истерéться**) соида (хурда, фит) шудан(и) 2. *тех.* хӯрдашавӣ, фитшавӣ, судашавӣ; **сопротивля́емость ~ю** муқовимат ба хурдашавӣ; ~**е каучýка** судашавии каучук

истирáнить *сов. кого прост.* зулм (ситам) кардан, бедодгарӣ намудан, азият додан

истирáть *несов. см.* **истерéть**

истирáться *несов.* 1. *см.* **истерéться**; 2. *страд.* соида (суда) карда шудан

истúца *женск. к* **истéц**

истлевáть *несов. см.* **истлéть**

истлé||ть *сов.* 1. пусидан, пусида хок шудан; **матéрия ~ла** матоъ пӯсидааст 2. оҳиста-оҳиста сухта хокистар шудан, дуд карда сухтан; **ýгли ~ли** ангишт оҳиста-оҳиста сӯхта хокистар шуд; **бумáга ~ла и рассы́палась** коғаз сухта титупит шуд

истмáт *м разг.* (исторúческий материалúзм) истмат (материализми таърихӣ)

и́стовый, -ая, -ое *уст.* 1. самимӣ, самимона; ~ **поклóн** таъзими самимона 2. (*соблюдающий традиции, правила*) оинпараст 3. (*усердный*) боғайрат, боҷидду ҷаҳд

истóк *м* 1. (*по знач. гл.* **истéчь** 1) рехтан(и), шоридан(и) 2. (*начало реки и т. п.*) болооб, сари об, саргаҳ; **дойтú до ~а ручья́** ба саргаҳи ҷуйбор расидан 3. *чаще мн.* **истóки** *перен.* мабдаъ, сарчашма, манбаъ, оғоз; ~**и марксúзма** манбаъҳои марксизм

истолкова́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **истолкова́ть**) шарҳдиҳӣ, эзоҳдиҳӣ, тафсир (маънидод) кардан(и); **нау́чное ~ явле́ния** маънидоди илмии ҳодиса 2. шарҳ, эзоҳ, тафсир, таъбир, маънидод; **ло́жное ~** эзоҳи нодуруст; **нау́чное ~** тафсири илмӣ

истолкова́тель *м* шорех, тафсиркунанда, таъбиргар; **~ па́мятников дре́вности** шарҳдиҳандаи осори қадима

истолкова́||ть *сов. что* шарҳ (эзоҳ) додан, тафсир (таъбир) кардан, фаҳмонда додан; **вы неве́рно ~ли мои́ слова́** шумо суханҳои (гуфтаи) маро нодуруст маънидод кардед

истолко́вывать *несов. см.* **истолкова́ть**

истолко́вываться *несов. страд.* шарҳ (эзоҳ, тафсир) карда шудан

истоло́чь *сов. что* куфтан, кӯфта майда кардан, талқон кардан; **~ соль** намакро кӯфта маҳин (суда) кардан

истоло́чься *сов.* куфта шудан, куфта майда шудан, талқон шудан

исто́м||а *ж* сустӣ, ланҷӣ, беҳолӣ, бемадорӣ; **больно́й лежа́л в ~е** касал бемадор буд; **по те́лу разлила́сь ~а** бадан ланҷ шуд

истоми́||ть *сов. кого-что* беҳол (бемадор, хаста) кардан; азоб додан, ба ҷон расондан; **его́ ~ли бессо́нные но́чи** ӯро шабзиндадориҳо беҳолу бемадор карданд, шабҳои бедорхобӣ ӯро беҳол карданд

истоми́||ться *сов.* беҳол (бемадор, хаста) шудан; азоб кашидан, ба ҷон расидан; **~ться в нево́ле** дар бандагӣ азоб кашидан; **мы ~лись в ожида́нии** мо аз интизорӣ ба ҷон расидем

истомлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* беҳол (бемадор, хаста) кардашуда 2. *прил.* беҳол, бемадор, хастаҳол(она), азобкашида; **~ое лицо́** руи хастаҳолона; **~ые путеше́ственники** сайёҳони ҳастаҳол

истомля́ть *несов. см.* **истоми́ть**

истомля́ться *несов.* 1. *см.* **истоми́ться**; 2. *страд.* беҳол (бемадор, хаста) карда шудан

исто́мн||ый, -ая, -ое *разг.* азиятдиҳанда, азобдиҳанда, пуразоб; **~ый зной** гармои азиятдиҳанда; **~ая ску́ка** зиқии пуразоб

истонча́ть *сов. уст. см.* **истончи́ться**

истонча́ться *несов. см.* **истончи́ться**

истончи́ть *сов. что* тамоман борик (тунук) кардан; **~ па́лку** чубдастро тамоман борик кардан

истончи́||ться *сов.* тамоман борик (тунук) шудан; **ткань от до́лгой но́ски ~лась** матоъ аз бисьёр пушидан тамоман тунук шуда аст

истопи́||ть I *сов. что* 1. гарм кардан, олав кардан, тафсондан; **~ть печь** печкаро тафсондан 2. *разг.* сухтан, сухта тамом кардан; **за́ зиму мы ~ли свы́ше то́нны угля́** мо [дар] зимистон бештар аз як тоина ангишт сухтем

истопи́ть II *сов. что разг.* об кардан; **~ весь воск** тамоми мумро об кардан

истопи́||ться I *сов.* гарм шудан, олав монда шудан, тафсидан; **печь уже́ ~лась** печка тафсидааст

истопи́||ться II *сов. разг.* об шудан; **всё ма́сло ~лось** тамоми равған об шуд

истопни́к *м* гулахӣ, олавмон, оташмон; **работать ~о́м** гулахӣ шуда кор кардан

истопни́ца *женск. к* **истопни́к**

истопта́||ть *сов. что* 1. поймол (лагадкуб) кардан; зери по кардан; **коро́вы ~ли всхо́ды** говҳо майсаро поймол карданд 2. *разг.* зер карда ифлос кардан, паи по монондан; **~ть пол** руи хонаро пой монда ифлос кардан 3. *разг.* пӯшида кӯҳна кардан, дарронддан; аз кор баровардан; **ма́льчик ~л башмаки́** бача кафшро кӯҳна кард 4. (*исходить*) гашта (давр зада) баромадан

истопта́||ться *сов. разг.* кӯҳна шудан, даридан; аз кор баромадан; **мои́ ту́фли ~лись** туфлии ман кӯҳна шудааст

исторга́ть *несов. см.* **исто́ргнуть**

исторга́ться *несов.* 1. *см.* **исто́ргнуться**; 2. *страд.* бароварда (бароварда партофта) шудан

исто́рг||нуть *сов. уст. книжн.* 1. *что* бароварда партофтан, фаввора задан, фаввора зононда баровардан; **вулка́н исто́рг пото́ки ла́вы** вулкан сели лаваро бароварда партофт 2. *что перен.* рондан, хай (хорич) кардан, дур кардан; **ничто́ не мо́жет ~нуть из мое́й па́мяти дни де́тства** ҳеҷ чиз аз хотири ман рузҳои бачагиамро дур карда наметавонад 3. *что* (*выдернуть, извлечь*) кандан, канда баровардан, кашидан 4. *кого-что перен.* (*отнять, освободить*) ҷудо кардан, озод (халос) кардан, раҳоӣ додан 5. *что перен.* пайдо кардан, ба вуҷуд овардан; **её расска́з исто́рг гнев и у́жас у слу́шателей** ҳикояти у дар дили шунавандагон қаҳру ғазаб ва даҳшат ба вуҷуд овард

исто́рг||нуться *сов. уст. книжн.* 1. ҷудо шудан, озод (халос) шудан, раҳоӣ ёфтан; **~нуться из лап сме́рти** аз чанголи марг раҳоӣ ёфтан 2. (*о звуке*) ногаҳон баромада мондан; **из её груди́ ~ся крик** аз синаи у ногаҳон фарьёде баромад

исторже́ние *с* (*по знач. гл.* **исто́ргнуть**) фавворазанӣ; озод (халос) кардан(и); (*по знач. гл.* **исто́ргнуться**) озод (халос) шудан(и)

истори́зм *м* 1. таърихият (*принципи ба диалектика хос, ки пайдоишу инкишофи ҳар як предмет ва ҳодисаро дар инкишофи таърихии онҳо меомузад*) 2. таърихпарастӣ

исто́рик *м* таърихдон, таърихшинос, таърихнавис, муаррих

исто́рико- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «таърих», «таърихӣ»:* **исто́рико-филологи́ческий** ...и таъриху филология

исто́рико-революцио́нн||ый, -ая, -ое таърихии революционӣ; **~ые па́мятники** ёдгориҳои таърихии революционӣ

исто́рико-филологи́ческий, -ая, -ое ...и таъриху филология

историо́граф *м* 1. историограф, мутахассиси историография 2. *уст. см.* **исто́рик**

историографи́ческий, -ая, -ое историографӣ

историогра́фия *ж* историография (1. *илмест, ки инкишофи дониши оид ба таърих ва маъхазҳои таърихиро меомузад* 2. *маҷмуи асарҳои таърихии ба ягон давр ё ки проблема бахшидашуда*); **~ послевое́нных лет** историографияи солҳои баъди ҷанг; **~ Москвы́** историографияи Москва

истори́чески *нареч.* таърихан; **~ сложи́вшийся** таърихан таъсисёфта

истори́ческ||ий, -ая, -ое *в разн. знач.* таърихӣ, ...и таърих; **~ий проце́сс** процесси таърихӣ; **~ие па́мятники** ёдгориҳои таърихӣ; **~ое иссле́дование** тадқиқоти таърихӣ; **~ий факт** факти таърих; **~ое лицо́** шахси таърихӣ; **~ая побе́да Вели́кой Октя́брьской социалисти́ческой револю́ции** ғалабаи таърихии Революцияи Кабири Социалистии Октябрь; **~ие да́ты** санаҳои таърихӣ; **~ий рома́н** романи таърихӣ; **~ая карти́на** расми таърихӣ; **~ий материали́зм** материализми таърихӣ; **~ая грамма́тика ира́нских языко́в** грамматикаи таърихии забонҳои эронӣ; **~ая геогра́фия** географияи таърихӣ; **~ий подхо́д к изуче́нию како́го-л. вопро́са** муносибати таърихӣ ба омухтани ягон масъала; **~ая катего́рия** категорияи таърихӣ

истори́чность *ж* 1. таърихият, таърихӣ будан(и), ба таърих мувофиқ будан(и); **~ рома́на** таърихияти роман 2. *см.* **истори́зм**

истори́чный, -ая, -ое (истори́ч|ен, -на, -но) ба фактҳои таърихӣ рост меомадагӣ, ба таърих мувофиқ, таърихан дуруст

исто́ри||я *ж* 1. таърих; **зако́ны ~и** қонунҳои таърих 2. таърих; **~я разви́тия воздухопла́вания** таърихи инкишофи ҳавопаймоӣ 3. таърих; **~я СССР** таърихи СССР; **дре́вняя ~я** таърихи қадим; **~я сре́дних веко́в** таърихи асрҳои миёна; **но́вая ~я** таърихи нав; **преподава́ть ~ю** дарси таърих додан; **~я литерату́ры** таърихи адабиёт; **~я му́зыки** таърихи мусиқӣ 4. таърих, саргузашт, гузашта; **уро́кн ~и** сабақҳои таърих; **о́пыт ~и** таҷрибаи таърих 5. ҳикоя, қисса; **интере́сная ~я** қиссаи аҷоиб 6. *разг.* ҳодиса, воқеа; **с ним случи́лась стра́нная ~я** ба у ҳодисаи аҷибе рӯй додааст 7. *разг.* моҷаро; **попа́сть в ~ю** ба моҷарое дучор шудан ◇ **~я боле́зни** таърихи бемориӣ; **~я с геогра́фией** *шутл.* кори чатоқ (*мушкилие, ки бартараф карданаш осон нест*); **ве́чная ~я** доим хол ҳамин, боз ҳамин кор, пештара барин, Аҳмади порина; **совсе́м друга́я ~я** тамоман гапи дигар; **~я ума́лчивает о чём-л.** сирри ин чиз пушида; **войти́ в ~ю** дар таърих мондан; дар таърих ҷой гирифтан; ном баровардан

истоскова́||ться *сов. по кому-чему и без доп. разг.* бисьёр пазмои шудан, ёд кардан, дил андохтан; зиқ шудан, дар ғами чизе, касе мондан; **он ~лся по семье́** у оилаашро бисьёр пазмон шудааст

источа́||ть *несов. что* 1. *уст. книжн.* додан, баровардан; **тума́н ~л вла́гу** туман рутубат медод 2. бӯй доштан, бӯй додан, муаттар кардан; **цветы ~ли сла́бый арома́т** гулҳо андак накҳат медоданд 3. *(излучать)* нурафшонӣ (нурпошӣ) кардан, паҳн кардан

источа́ться *несов. страд.* дода (бароварда) шудан; паҳн карда шудан

источи́||ть I *сов. что* 1. бисьёр чарх дошта (санг зада) хурда кардан; **~ть нож** кордро бисьёр чарх дошта хурда кардан 2. хурда сурох-сурох (ғалбер барин) кардан; **че́рви ~ли де́рево** кирмҳо чубро сурох-сурох карданд

источи́ть II *сов. уст. см.* **источать**

источи́||ться *сов.* аз бисьёр чархдорӣ (сангзанӣ) хурда шудан; **нож ~лся** корд аз бисьёр сангзанӣ хурда шуд

исто́чник *м* 1. чашма, сарчашма; **горя́чие ~и** чашмаҳои оби гарм; **минера́льный ~** чашмаи оби маъдан 2. *перен.* манбаъ, сарчашма; **~и сырья** манбаъҳои моли хом; **~и повыше́ния производи́тельности труда́** манбаъҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат; **~ вдохнове́ния** сарчашмаи илҳом; **~ спора** манбаи низоъ; тухми низоъ 3. *перен.* манбаъ, маъхаз; **узна́ть из авторите́тных ~ов** аз манбаъҳои мӯътабар дониста гирифтан; **ненадёжные ~и** манбаъҳои беэътимод 4. маъхаз; **изучи́ть древнейшие ~и** маъхазҳои қадимтаринро омӯхтан

источникове́дение *с* маъхазшиносӣ, манбаъшиносӣ

источникове́дческий, -ая, -ое ...и маъхазшиносӣ, ...и манбаъшиносӣ

исто́шн||ый, -ая, -ое *разг.* даҳшатнок; **крича́ть ~ым голосом** бо овози [баланди] даҳшатнок фарьёд задан

истоща́ть I *несов. см.* **истощить**

истоща́||ть II *сов. разг.* лоғар (хароб, заиф, беқувват, бемадор) шудан; **скот ~л за вре́мя перего́на** чорво аз кӯфти роҳ лоғар шуд

истоща́ться *несов.* 1. *см.* **истощи́ться;** 2. *страд.* лоғар (хароб, заиф) карда шудан

истоще́ни||е *с* 1. лоғарӣ, харобӣ, заифӣ, беқувватӣ, бемадорӣ, беҳолшавӣ, сустшавӣ; **~е органи́зма** аз мадор мондани организм; **дойти́ до ~я** хароб (лоғар) шудан 2. беқувватшавӣ, камқувватшавӣ, камҳосилӣ; **~е почв** беқувватшавии замин 3. камшавӣ, сарфшавӣ; **~е нефтяно́го месторожде́ния** камшавии кони нафт

истощённость *ж* 1. лоғарӣ, харобӣ, заифӣ, беқувватӣ, бемадорӣ, беҳолшавӣ, сустшавӣ; **крайняя ~ не́рвной систе́мы** аз ҳад зиёд суст шудани системаи асаб 2. беқувватшавӣ, камқувватшавӣ, камҳосилӣ; **~ по́чвы** беқувватшавии замин

истощённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* лоғар (хароб, беқувват, бемадор) кардашуда 2. *прил.* лоғар, хароб, беқувват, бемадор, суст; **~ое лицо́** руи лоғар; **~ый скот** чорвои хароб 3. *прил.* беқувват, камқувват, камҳосил; **~ые почвы** заминҳои беқувват

истощи́||ть *сов.* 1. *кого-что* лоғар (хароб, заиф, беқувват, бемадор, суст) кардан; **его́ ~ла лихорадка** уро табларза бемадор кард; **бой ~ли проти́вника** ҷангҳо душманро заиф карданд 2. *что* беқувват (камқувват, камҳосил) кардан; **~ть по́чву** заминро беқувват кардан 3. *что* сарф (харҷ, тамом, соф) кардан, ба охир расондан; **~ть все запасы** ҳамаи захираҳоро сарф кардан; **он ~л моё терпе́ние** вай тоқатамро тоқ кард

истощи́||ться *сов.* 1. лоғар (хароб, заиф, беқувват, бемадор, суст) шудан 2. беқувват (камқувват, камҳосил) шудан; **по́чва ~лась** замин беқувват шуд 3. сарф (харҷ, тамом, соф) шудан, ба охир расидан; **запа́сы ~лись** захираҳо тамом шуданд; **те́ма разгово́ра вско́ре ~лась** мавзуи гуфтугу зуд тамом шуд; **терпе́ние ~лось** тоқат тоқ шуд

истра́ти||ть *сов. что* сарф (масриф, харҷ, хароҷот) кардан; **я ~л на кни́ги о́коло тридцати́ рубле́й** ман ба китоб қариб сӣ сум харҷ кардам; **весь ве́чер он ~л на подгото́вку к докла́ду** ӯ тамоми шаброро ба навиштани маъруза сарф кард

истра́ти||ться *сов.* 1. сарф (масриф, харҷ, хароҷот) шудан; **все де́ньги ~лись** ҳамаи пул харҷ шуд; **мно́го вре́мени ~лось на доро́гу** ба роҳ бисьёр вақт сарф шуд 2. *разг.* хароҷоти бисьёр кардан; **~ться на приобрете́ние ме́бели** ба хариди мебель бисьёр хароҷот кардан

истра́чивать *несов. см.* **истра́тить**

истра́чиваться *несов.* 1. *см.* **истра́титься;** 2. *страд.* сарф (масриф, хароҷот) карда шудан

истреби́тель *м* 1. кушанда, несткунанда, нобудкунанда, қиркунанда; **саранча́ — ~ посе́вов** малах — нобудкунандаи кишт 2. *ав.* қиркунанда; **реакти́вный ~** қиркунандаи реактивӣ

истреби́тельн||ый, -ая, -ое 1. кушанда, несткунанда, нобудкунанда, қиркунанда, ҳалоккунанда; **~ый ого́нь артилле́рии** оташи қиркунандаи артиллерия 2. *ав.* қиркунанда, ...и самолёти қиркунанда; **~ая авиация** авиацияи қиркунанда

истреби́ть *сов. кого-что* куштан, нест (нобуд, маҳв, қир, ҳалок) кардан; **~ мыше́й** мушҳоро нест кардан

истреби́ться *сов.* нест (нобуд, маҳв) шудан, аз байн рафтан

истребле́ние *с* (*по знач. гл.* **истреби́ть**) нест (нобуд, маҳв, қир, ҳалок) кардан(и); **~ мо́ли** нест кардани митта; **~ вражеской авиации** қир кардани авиацияи душман

истребля́ть *несов. см.* **истреби́ть**

истребля́ться *несов.* 1. *см.* **истреби́ться;** 2. *страд.* нест (нобуд, маҳв) карда шудан

истре́бование *с* (*по знач. гл.* **истре́бовать**) талаб кардан(и); **~ де́ла из архи́ва** талаб кардани дела аз архив

истре́бовать *сов. что книжн.* 1. талаб кардан, талабидан; **~ трудовую кни́жку** дафтарчаи меҳнатиро талаб кардан 2. *(потребовав, получить)* талаб карда гирифтан

истрёпанный, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* куҳна (фарсуда) кардашуда, аз кор баровардашуда 2. *прил.* кӯҳна, фарсуда; **~ костю́м** костюми кӯҳна 3. *прил. перен.* беқувват, заиф, суст, беҳолшуда

истрепа́||ть *сов. разг.* 1. *что* куҳна (фарсуда) кардан, аз кор баровардан; **он ~л кни́гу** у китобро куҳна кард; **~ть костю́м** костюмро куҳна кардан 2. *кого-что перен.* ниҳоят шалпар (монда, хаста) кардан, беҳолу бемадор кардан ◇ **~ть не́рвы** асабҳоро вайрон кардан

код *м* рамз, код *(системаи аломатҳои шартӣ барои мухобираи рамзӣ)*; **телеграфный ~** рамзи телеграфӣ; **сообщить по ~у** бо рамз хабар додан

кода *ж* 1. *муз.* мактаи асарҳои мусиқӣ 2. *лит.* фикраи мустазод

кодекс *м* 1. *юр.* кодекс *(маҷмуаи қонунҳо)*; **гражданский ~** кодекси гражданӣ; **уголовный ~** кодекси ҷиноятӣ; **~ законов о труде** кодекси қонунҳои меҳнат 2. *перен.* қоидаи рафтор, қонуни ахлоқ; **моральный ~ строителей коммунизма** кодекси ахлоқи бинокорони коммунизм

кодирование *с (по знач. гл.* **кодировать)** бо рамз ифода кардан(и), ба код даровардан(и)

кодировать *сов., несов. что* бо рамз ифода кардан, ба код даровардан

кодификатор *м юр.* кодекссоз

кодификационн||ый, -ая, -ое *юр.* ...и кодекссозӣ; **~ая комиссия** комиссияи кодекссозӣ

кодификация *ж юр.* кодекссозӣ *(ба тартиби муайян даровардани қонунҳои ҷорӣ)*

кодифицировать *сов., несов. что юр.* кодекс сохтан

кодифицироваться *несов. страд.* кодекс сохта шудан

кодов||ый, -ая, -ое рамзӣ, кодӣ, ...и рамз, ...и код; **~ые знаки** аломатҳои рамз (код)

кое-где *нареч.* дар баъзе ҷойҳо, ҷо-ҷо; **на дорогах ~ уже сошёл снег** дар роҳҳо ҷо-ҷо барф об шудааст

кое-как *нареч.* 1. як навъ, нимкола, чалачулпа, титупит, ҳарому ҳариш; **работа сделана ~** кор чалачулпа карда шудааст; **вещи были свалены ~** чизҳо титупит партофта шуда буданд 2. бо як азоб, ба зур; **~ добрались мы до привала** мо бо як азоб ба манзил расидем

кое-как||ой, -ая, -ое *мест. неопр.* 1. баъзе; **я привёз ~ие новости** ман баъзе хабарҳои тоза овардам 2. як навъ, ким-чӣ хел; **~ая одежонка** ким-чӣ хел либос

кое-когда *нареч.* баъзан, гоҳ-гоҳ, баъзе вақт; **~ он заходит** вай баъзан омада меистад

кое-кто *мест. неопр.* баъзеҳо, баъзе одамҳо; **~ уже закончил работу** баъзеҳо аллакай корро тамом карданд; **моё предложение не понравится кое-кому** ба баъзеҳо таклифи ман маъқул намешавад; **кое от кого я это уже слышал** ин хабарро ман аз баъзеҳо аллакай шунидагӣ

кое-куда *нареч.* ба баъзе ҷойҳо; **мне ещё надо ~ написать** боз ба баъзе ҷойҳо хат навиштанам даркор

коечн||ый, -ая, -ое 1. ...и кат; **~ая сетка** тури кат 2. *разг.* бистарӣ; **~ый больной** бемори бистарӣ

кое-что *мест. неопр.* баъзе чизҳо, камутум, андак; **надо вам сказать ~** ба шумо баъзе чизҳоро гуфтан лозим; **поговорить кое о чём** дар бораи баъзе чизҳо суҳбат кардан

кож||а *ж* 1. пуст; **ссадины на ~е** ҷойҳои харошидашудаи пуст 2. чарм, пуст; **чемодан из искусственной ~и** ҷомадони чарми сунъӣ 3. *разг.* пучоқ, пуст; **апельсин с толстой ~ей** апельсини ғафспуст ◇ **гусиная ~а** мурғак, мурғаки бадан; **чёртова ~а** пусти иблис *(матои ғафси бадоишт)*; [**одна**] **~а да кости** пусту устухон; **ни ~и ни рожи** *груб. прост.* хунукбашара; **влезть в ~у кого-л., чью-л.** худро ба ҷои касе ангоштан; **из ~и** [**вон**] **лезть** зур задан; **мороз по ~е дерёт (подирает, пробегает, идёт)** кас ба ларза меафтад, бадан ваҷаррос мезанад

кожан *м* 1. *уст.* пальтои чармин 2. *зоол.* хаффош

кожанка *ж разг.* пальтои чармин

кожан||ый, -ая, -ое чармин; ...и

рўяш чарм, ...и рупушаш чарм; ~ая обувь пойафзоли чармин; ~ое кресло креслои чармин

кожевенник *м см.* **кожевник**

кожевенно-мехов||ой, -ая, -ое чармумуина; ~ое **сырьё** чарму мўина

кожевенно-обувной, -ая, -ое чарму пойафзол; ~ **комбинат** комбинати чарму пойафзол

кожевенно-шорный, -ая, -ое чармусарроҷӣ; ~ **комбинат** комбинати чармусарроҷӣ

кожевенн||ый, -ая, -ое ...и чарм, ...и чармгарӣ, ...и даббоғи, ...и ошдиҳии пўст; **производственное ~ое объединение** иттиҳодияи истеҳсоли чарм, иттиҳодияи чармгарӣ; **~ое сырьё** пўст

кожевник *м* чармгар, даббоғ

кожеед *м зоол.* чармхурак, куяи чарм

кожемяка *м уст.* чармгар, даббоғ

кожимит *м* кожимит, чарми сунъӣ

кожимитн||ый, кожимитов||ый, -ая, -ое кожимитӣ, ...и кожимит, ...и чарми сунъӣ; **~ые подмётки** тагчарми кожимит

кожист||ый, -ая, -ое ғафспўст; **~ые листья** баргҳои ғафспўст

кожица *ж* 1. *ласк. к* **кожа** 1, 3; 2. *бот.* парда, пусти растанӣ

кожник *м разг.* духтури касалиҳои пуст

кожн||ый, -ая, -ое ...и пуст; **~ые болезни** касалиҳои пўст; **~ый покров** *анат.* пуст

кожура *ж* пучоқ, пуст; **~ апельсина** пусти афлесун

кожух *м* 1. *(одежда)* пустин, кавал 2. *тех.* чилд, қуттӣ; **~ мотора** қутии мотор

кожушок *м уменьш. к* **кожух** 1

коз'а *ж* 1. модабуз, бузи мода, буз; **ангорская ~а** бузи ангорӣ 2. *перен. разг. шутл. (о резвой девочке)* духтараки шух 3. *тех.* аробачаи кон ◇ **отставной ~ы барабанщик** *шутл., ирон.* боми пастак, одами ношуди норуид; **драть (лупить, пороть, сечь) как сидорову козу** мурданивор (бераҳмона) задан; **к нему на ~е не подъедешь** *прост.* вайро ба гап даровардан кори осон не

коз||ёл *м* 1. така, серка; **горный ~ёл** бузи кӯҳӣ 2. *тех.* қарқ *(пораҳои металли гудохта, ки дар деворҳои кура ва дул часпида шах шуда мемонанд)* 3. *спорт.* бузак *(хараки ҷаҳиш барои варзиш)* 4. *карт.* кузлабозӣ *(навъи қартабозӣ)*; **играть в ~ла** кузлабозӣ кардан ◇ **~ёл отпущения** бомаки паст; **ждать от ~ла молока** гови нар ҷушидан; **пустить ~ла в огород** гургро чупон кардан

козелки *мн.* (*ед.* **козелок** *м*) *прост.* тиргаки ду шоха, ҳачча

козерог *м зоол.* бузи кӯҳӣ ◇ **созвездие Козерога** *астр.* бурҷи Ҷадӣ; **тропик Козерога** *геогр.* мадори Ҷадӣ

козетка *ж уст. (мебель)* козетка *(навъи дивани хурд)*

коз||ий, -ья, -ье бузӣ, ...и буз; **~ье молоко** шири буз; **~ий пух** тибити буз ◇ **~ья ножка** 1) папироси дастӣ (дастисохт); 2) анбури дандонканӣ

козлёнок *м* бузғола, бузбача, бузича

козлетон *м разг. ирон.* бузовоз *(овози нофорами ҳофиз)*

козлик *м уменьш.-ласк. к* **козёл** 1

козлин||ый, -ая, -ое бузӣ, ...и буз; **человек с ~ой бородкой** одами бузриш; **~ый голос** овози буз // ...и пусти буз, пустибузӣ; **~ая шуба** пустини буз, пустини пустибузӣ

козлов||ый, -ая, -ое ... пўстибузӣ; **~ые сапоги** музаи пўстибузӣ

козлодрание *с* бузкашӣ, купкорӣ, улоқ

козлоногий, -ая, -ое бузпо

козл||ы *тк. мн.* 1. *(в экипаже)* кузла, нишастгоҳи фойтунчӣ; **он вскочил на ~ы и погнал лошадь** вай ба кузла ҷаҳида баромаду аспро ҳай кард 2. *(подставка)* харак, хавоза; **стоя на ~ах, он белил потолок** ў аз болои харак истода шифтро сафед мекард ◇ **ставить ружья в ~ы** милтиқҳоро чорчиллик мондан

козлятина *ж* гушти буз

козни *мн.* дасиса, фитна, ҳилаву найранг; **строить ~** ҳилаву найранг кардан, фитна андохтан

козовод *м* бузпарвар

козоводство *с* бузпарварӣ

козоводческий, -ая, -ое ...и бузпарварӣ; **~ совхоз** совхози бузпарварӣ

козодой *м зоол.* эчкемар

козон *м прост. и обл.* бучул // *мн.* **козны** бучулбозӣ; **играть в козны** бучулбозӣ кардан

козуля *ж см.* **косуля**

козыр||ёк *м* 1. лапари шапка 2. пешайвон, овеза; **ворота с резным ~ьком** дарвозаи овезааш кандакорӣ ◇ **брать (взять, делать, сделать) под ~ёк** саломи низомӣ додан

козырной, -ая, -ое *карт.* ...и кузур *(дар қартабозӣ)*; **~ туз** тузи кузур

козырнуть I, II *сов. однокр. к* **козырять** I, II

козыр||ь *м* 1. *карт.* кузур; **ходить с ~я** бозиро аз қартаи кузур сар кардан; **бить ~ем** бо кузур қартаи ҳарифро задан 2. *перен.* афзалӣ, дастболоӣ, бартарӣ; **большой ~ь** бартарии калон ◇ **ходить ~ем** *прост.* мағрурона (саллона-саллона) гаштан

козырять I *несов.* 1. *чем и без доп. карт. разг.* қартаи кузурро рафтан 2. *чем перен.* такаббур кардан, ғарра (мағрур) шудан; **~ своим знакомством с кем-л.** аз шиносоии худ бо касе мағрур шудан

козырять II *несов. разг. кому-чему и без доп.* саломи низомӣ додан

козявка *ж разг.* гамбускча, қунғузча

кой *мест. уст. обл. см.* **какой** I ◇ **в кои-то веки** охири охирон; кимкай, аҳьён-аҳьён, бисьёр кам; як вақтҳо; **в кои-то веки он заглянул к нам** ким-кай моро диданӣ омад; **на ~ дьявол** *прост. см.* **какой (какого дьявола)**; **ни в коем случае** (разе) ҳеҷ вақт, ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ, дар ҳеҷ сурат

кой-где *нареч. см.* **кое-где**

койк||а *ж* 1. *(кровать)* кат; **больница на пятьдесят коек** беморхонаи панҷоҳката 2. *(на пароходе)* кати овезон *(дар киштӣ)*

кой-как *нареч. см.* **кое-как**

кой-какой *мест. см.* **кое-какой**

кой-кто *мест. см.* **кое-кто**

кой-куда *нареч. см.* **кое-куда**

кой-что *мест. см.* **кое-что**

кок I *м мор.* кок, ошпази киштӣ

кок II *м (причёска)* кок *(орогиши мўйсар)*

кока *ж бот.* кока *(буттаи тропикӣ, масолеҳи кокаин)*

кокаин *м* кокаин, чакидаи кока

кокаинизм *м* кокаинизм *(касалии руҳӣ, ки аз бисьёр истеъмол кардани кокаин пайдо мешавад; одати кокаинхурӣ)*

кокаинист *м* кокаманд

кокаиновый, -ая, -ое кокаинӣ, ...и кокаин; **~ наркоз** наркози кокаинӣ

кока-кола *ж* кока-кола *(навъи нушокии беспирт)*

кокарда *ж* кокарда *(нишонаи гирдаи металли дар пеши фуражкаи расмӣ)*

кокать(ся) *несов. см.* **кокнуть(ся)**

кокетк||а *ж* 1. зани танноз (ишвафуруш, ишвагар, карашмадор, назарбоз) 2. *портн.* камзулча; **платье с ~ой** куртаи камзулча

кокетливость *ж* таннозӣ, ишвафурушӣ, карашмадорӣ, назарбозӣ

кокетлив||ый, -ая, -ое (кокетлив, -а, -о) 1. танноз, ишвадор, ноздор, карашмадор, назарбоз; **~ая девушка** духтари ноздор 2. бокарруфар; **~ое платье** куртаи бокарруфар

кокетничать *несов.* 1. *с кем и без доп.* ноз (ишва, карашма, ғамза, назарбозӣ) кардан 2. *чем перен.* худнамоӣ кардан

кокетств||о *с* ноз, ишва, карашма, таннозӣ, назарбозӣ; **в ней не было и тени ~а** вай ҳеҷ ноз намекард

кокиль *м тех.* қолиби рехтагарӣ

кокки *мн.* (*ед.* **кокк** *м*) *мед.* коккҳо *(бактерияҳои кулулашакл)*

коклюш *м* сулфаи кабутак, сулфакабутак

коклюшечн||ый, -ая, -ое: **~ые кружева** турҳои сихбофт; *см.* **коклюшка**

коклюшка *ж* сихи турбофӣ

коклюшный, -ая, -ое ...и сулфаи кабутак, ...и сулфакабутак; **~ кашель** сулфаи кабутак

кокнуть *сов. прост.* 1. *кого-что* задан; **~ кого-л. по голове** ба сари касе задан // *(убить)* куштан, қатл кардан 2. *что* зада шикастан, шароққос занонда шикастан; **нечаянно ~ стакан** стаканро нохост зада шикастан

кокнуться *сов. прост.* 1. *(стукнуться)* бархурдан, дакка хурдан, зада гирифтан 2. *(разбиться)* шикастан, шикаста мондан

кокон *м* пилла; **шелковичный ~** пиллаи кирмак

ко́конн||ый, -ая, -ое пиллагӣ, ...и пилла; **~ая нить** нахи пилла

коконозаготовки *мн.* пиллатайёркунӣ

коконосушилка *ж* пиллахушккунак, пиллахушконак

коко́с *м* 1. *(пальма)* нахли норҷил 2. *(орех)* норҷил, ҷавзи ҳиндӣ

коко́сов||ый, -ая, -ое норҷилӣ, ...и норҷил; **~ая па́льма** нахли норҷил; **~ый оре́х** норҷил, ҷавзи ҳиндӣ; **~ое ма́сло** равғани норҷил

коко́тка *ж* фоҳиша

коко́шник *м* 1. қоши тилло 2. *архит.* шарафот

кокс *м* кокс *(ангиштсанг ё торфи беҳаво пухташуда, ки барои истеҳсоли фулузот ҳамчун сузишворӣ ба кор меравад)*

кок-сагы́з *м* куксағиз *(растании каучукдор)*

коксова́льн||ый, -ая, -ое ...и кокспазӣ; **~ая печь** кураи кокспазӣ

коксова́ние *с* *(по знач. гл.* **коксова́ть)** кокс пухтан(и); *(по знач. гл.* **коксова́ться)** кокс шудан(и)

коксова́ть *несов. что тех.* кокс пухтан; **~ у́голь** аз ангиштсанг кокс пухтан

кокс||ова́ться *несов. тех.* 1. кокс шудан; **э́тот у́голь хорошо́ ~у́ется** ин ангишт нағз кокс мешавад 2. *стард.* кокс карда шудан

ко́ксов||ый, -ая, -ое коксӣ, ...и кокс; **~ое произво́дство** истеҳсолоти кокс

коксохими́ческ||ий, -ая, -ое коксохимиявӣ, ...и коксохимия; **~ая промы́шленность** саноати коксохимиявӣ

коксохи́мия *ж* коксохимия

коксу́ющ||ийся, -аяся, -ееся *тех.* коксшаванда; **~иеся у́гли** ангиштсангҳои коксшаванда

кокте́йль *м* коктейль *(нушокии ширини омехта ба машрубот ё шир)*

кол I *м* 1. *(мн.* **ко́лья)** мехи чубин, яккамех 2. *(мн.* **колы́)** *шк. разг.* баҳои «як» ✧ **~о́м стои́т** сих-сих; **вбить (заби́ть) оси́новый ~ в моги́лу кого́-чего́-л.** ҷанозаи касеро, чизеро хондан; **посади́ть на кол** *уст.* ба мех (ба фона) шинондан *(навъи қатл ё ҷазо дар замони пеш)*; **стоя́ть ~о́м в го́рле (гло́тке)** *прост.* шилқин (дилбазан) шудан; **хоть ~ на голове́ теши́** *кому прост.* гушташро бурда-бурда кунӣ ҳам, аз раҳаш намегардад

кол II *м уст.* кол *(ченаки қадими замини корам)* ✧ **ни ~а ни двора** бехонумон, хонабардуш

ко́лба *ж хим.* колба

колбаса́ *ж* колбаса; **копчёная ~** колбасаи дудпаз; **ли́верная ~** ҳасиб, лакона

колба́сник *м* 1. колбасапаз 2. *уст.* колбасфуруш

колба́сн||ый, -ая, -ое 1. колбасагӣ, ...и колбаса; **~ые изде́лия** анвои колбаса 2. *в знач. сущ.* **колба́сная** *ж уст.* дукони колбасфурушӣ

колдо́бина *ж обл.* охурча

колд||ова́ть *несов.* ҷоду (сеҳр, афсун) кардан // *над кем-чем и без доп. перен. шутл.* кори асрормезе кардан; **над чем вы ~у́ете?** шумо чӣ кори асрормезе карда истодаед?

колдовство́ *с* 1. ҷоду, сеҳр, афсун 2. *перен.* дилрабоӣ, дилфиребӣ, ҷозибӣ

колдо́говор *м* (коллекти́вный догово́р) шартномаи коллективӣ

колду́н *м* ҷодугар, соҳир, афсунгар

колду́нья *ж* соҳира, занаки ҷодугар

колеба́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **колеба́ться)** 1) ҷунбиш, лаппиш, лаппас задан(и); **~е ма́ятника** лаппиши рақкосак; **~е слоёв во́здуха** ларзиши қабатҳои ҳаво 2. *перен.* пасту баландшавӣ, ноустуворӣ, тағьирёбӣ; **~е температу́ры** тағьирьёбии (пасту баландшавии) ҳарорат 3. *перен.* дудилагӣ, шубҳа, шак, тардид; **по́сле до́лгих ~й он согласи́лся** вай баъд аз дудилагии дуру дароз розӣ шуд

колеба́тельн||ый, -ая, -ое ...и ҷунбиш, ...и ларзиш; **~ые движе́ния** ҷунбиш

колеба́||ть *несов.* 1. *кого-что* ҷунбондан, ларзондан, такондан; **лёгкий ветеро́к ~л пла́мя свечи́** боди сабук шуълаи шамъро меларзонд 2. *что перен.* халал расондан, паст кардан, резондан, суст кардан; **~ть че́й-л. авторите́т** обруи касеро резондан, эътибори касеро паст кардан

колеба́||ться *несов.* 1. ҷунбидан, ларзидан, лаппас задан, алвонҷ хурдан; **пла́мя ~лось и дрожа́ло** аланга лаппас мезаду меларзид 2. *перен.* пасту баланд шудан, каму зиёд (тағьир) шудан; **це́ны колеблются** нархҳо пасту баланд мешаванд 3. *перен.* *(терять устойчивость)* ноустувор (суст) будан 4. *перен.* дудила шудан, шубҳа кардан, ба шак афтодан, мутараддид шудан; **~ться в вы́боре чего́-л.** дар интихоби чизе дудила шудан 5. *страд.* ҷунбонда (ларзонда) шудан

колеблющийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* ҷунбанда, ларзанда 2. *прил.* ноустувор 3. *прил. перен.* дудила, ноустувор, мутараддид

колебну́ть(ся) *сов. однокр. к* **колеба́ть(ся)**

коле́ика *ж разг. см.* **коле́но**

коленко́р *м* коленкор; **переплёт кни́ги из ~а** муқоваи китоб аз коленкор аст ✧ **[совсем] друго́й ~** *прост.* ин гапи дигар, ин кори дигар аст

коленкоровый, -ая, -ое ...и коленкор; **~ переплёт** муқоваи коленкор

коле́нн||ый, -ая, -ое ...и зону; **~ый суста́в** *анат.* буғуми зону; **~ая ча́шечка (ча́шка)** *анат.* чашмаки (айнаки) зону

коле́н||о *с* 1. *(мн.* **коле́ни)** зону; **опусти́ться на ~и** ба зону нишастан, диккак нишастан; **по́лзать на ~ях** гавак кашидан; **встать с коле́н** аз сари зону хестан 2. *(мн.* **коле́нья** *и* **коле́на)** хамгашт, гардиш, оринҷак, печ; **~о водосто́чной трубы́** печи (оринҷаки) тарнов; **~о реки́** хамгашти дарьё 3. *(мн.* **коле́нья)** банд, буғум; **~ья кукуру́зы** буғумҳои пояи ҷуворимакка 4. *(мн.* **коле́на)** қисм, мақоми алоҳида *(дар нағма ё рақс)*; *(в пении птиц)* нағма 5. *(мн.* **колена)** *уст.* насл, пушт; **он ему́ брат в тре́тьем ~е** у ба вай бачаи тағобача; **до седьмо́го ~а** то ҳафт пушт ✧ **вы́кинуть ~о** кирдоре (найранге) кардан; **ему́ мо́ре по ~о** вай парвои чизе надорад; **па́дать на ~и** зорӣ (тавалло) кардан; **поста́вить на ~и** *кого* гардан фуровар ондан, таслим кунондан; **преклони́ть ~а (~и)** *перед кем-чем* 1) *(покориться)* мутеъ шудан 2) *(отнестись с уважением)* таъзиму тавозуъ кардан

коленопреклоне́ние *с уст.* саҷда, ба сари зону истода таъзим кардан(и)

коленопреклонённый, -ая, -ое *уст.* ба сари зону истодагӣ

коле́нце *с разг. уменьш. к* **коле́но** 4 ✧ **вы́кинуть ~** кирдоре (найранге) кардан

колéнчатый, -ая, -ое банддор, буғумдор; хамгаштдор, гардишдор, оринҷакдор; **~ сте́бель** *бот.* пояи буғумдор; **~ вал** *тех.* зонунавард

ко́лер *м* *(цвет, оттенок)* ранг, тобиши ранг ✧ **подгоня́ть [всех] под оди́н ~** ҳамаро як хел ҳисоб кардан

колёсико *с уменьш. к* **колесо́** 1; **часово́е ~** чархаки соат

колеси́||ть *несов. разг.* 1. давр зада гаштан; **они́ ~ли по степи́ без доро́ги** онҳо дар дашти бероҳа мегаштанд 2. [бисьёр] гаштан; **~ть по све́ту** гирдогирди ҷаҳон гаштан

колёсник *м* [устои] чархсоз, ғилдираксоз

колесни́ц||а *ж уст.* аробаи дучарха ✧ **после́дняя спи́ца в ~е** 1) одами беэътибор, одами нуфузаш хеле кам 2) чизи нодаркорӣ, ночиз

колесни́чный, -ая, -ое *уст.* ...и аробаи дучарха

колёсн||ый, -ая, -ое чархӣ, ғилдиракӣ, ...и чарх, ...и ғилдирак; ғилдиракдор; **~ая мазь** равғани ароба; **~ый тра́ктор** трактори чархдор

колес||о́ *с* 1. чарх, ғилдирак; **~о́ ваго́на** чархи вагон; **веду́щее ~о́** ғилдираки асосӣ; **зу́бчатое ~о́** чархи дандонадор; **махово́е ~о́** сарчарх, чархи калон; **рулево́е ~о́** чархи суккон, чанбараки руль 2. *в знач. нареч.* **колесо́м** хамшуда, дуқатшуда ✧ **грудь ~о́м** *у кого* синафароx; **но́ги ~о́м** каҷпо; **туру́сы на колёсах** ёва, ҳарза; **пя́тое ~о́ в теле́ге** чизи нодаркор, дарди сари зиёдатӣ; **на колёсах [быть, находи́ться]** доимо дар сафар [будан]; **вставля́ть па́лки в колёса** *кому* кулӯхи (садди, санги) сари роҳ шудан, ба кор ишкел андохтан; **верте́ться (кружи́ться) как бе́лка в ~е́** ташвишу тараддуд кардан; беҳуда давуғеҷ кардан; **скрипи́т как нема́заное ~о́** [кор] ба зур шуда истодааст

колесова́ние *с* *(по знач. гл.* **колесова́ть)** пора-пора карда (даступо канда) куштан(и)

колесова́ть *сов., несов. кого ист.* пора-пора карда (даступо канда) куш-

таи *(усули қатли ваҳшиёна бо чархи махсус)*

колёт *м уст.* колет *(мундири сафеди ҳарбии аскарони армияи подшоҳӣ)*

колёчко *с уменьш. к* **кольцо́**

коле||я́ *ж* 1. *(след от колеса)* изи ароба 2. *ж.-д.* роҳи оҳан; **у́зкая ~я** роҳи оҳани камбар; **широ́кая ~я́** роҳи оҳани васеъ 3. *перен.* роҳи муқаррарии ҳаёт; **жизнь шла пре́жней ~ёй** ҳаёт бо роҳи пештараи худ мерафт; **войти́ в ~ю** ба роҳи (ба ҳолати) муқаррарии худ даромадан; **вы́бить из ~и́** *кого* сарсон кардан; **вы́биться (вы́йти) из ~и́** сарсон шудан

ко́ли *союз усл. уст. и прост.* агар, модом ки ...; **~ так, я не пойду́** агар ҳамин тавр бошад, ман намеравам; **~ на то пошло́** агар ҳамин тавр бошад...

коли́бри *м, ж нескл.* колибри *(паррандаи бисьёр хурди пару болаш зебо)*

ко́лики *мн.* *(ед.* **ко́лика** *ж)* хала *(дард)*; **~ в боку́** халаи биқин; **сме́яться (смеши́ть) до ко́лик** а) аз ханда рӯдакан шудан б) ғел зада (дилро дошта) хандидан

коли́т *м мед.* колит *(дарди рӯдаи ғафс)*

коли́чественно *нареч.* миқдоран, аз ҷиҳати миқдор

коли́чественн||ый, -ая, -ое миқдорӣ, ...и миқдор, ададӣ; **~ые измене́ния** дигаргуниҳои миқдорӣ ◇ **~ый ана́лиз** *хим.* таҳлили миқдорӣ

коли́честв||о *с* 1. миқдор, қадар, адад, андоза, шумора; **большо́е ~о** миқдори зиёд; **в како́м ~е?** чӣ қадар? 2. *филос.* миқдор; **перехо́д ~а в ка́чество** ба сифат гузаштани миқдор

ко́лка *ж (по знач. гл.* **коло́ть** I) шикастан(и), кафондан(и); **~ дров** ҳезумкафонӣ

ко́лк||ий I, -ая, -ое (ко́л|ок, -ка́, -ко) 1. халанда, хордор; **~ая трава́** алафи халанда; **~ий снег** барфи яхча 2. *перен.* тунд, заҳрдор, талх, нешдор; **~ое замеча́ние** танбеҳи нешдор

ко́лк||ий II, -ая, -ое (ко́л|ок, -ка́, -ко) *разг.* шикаста мешудагӣ, тезшикан, тезкафанда; **~ие дрова́** ҳезуми тезшикан

ко́лкост||ь *ж* 1. талхгӯӣ, нешдор будан(и), талхзабонӣ, теззабонӣ; **~ь замеча́ния** нешдор будани эрод 2. сухани талх, масхара, тамасхур, мазоҳ; **говори́ть ~и** суханҳои талх (нешдор) гуфтан

коллаборациони́зм *м* хиёнат, ватанфурӯшӣ

коллаборациони́ст *м* хоин, ватанфурӯш

колла́пс *м мед., астр.* сакта; **гравитацио́нный ~** сактаи ҷозиба; **~ звезды́** сактаи ситора

колле́га *м, ж* коллега; *(по работе)* ҳамкор, ҳампеша; *(по учёбе)* ҳамдарс, шарикдарс

коллегиа́льно *нареч.* ба таври коллегиалӣ, коллегия шуда, бо маслиҳат; **реша́ть вопро́сы ~** масъалаҳоро бо маслиҳат ҳал кардан

коллегиа́льность *ж* коллегиалӣ, коллегиалӣ будан(и); **~ руково́дства** коллегиалӣ будани роҳбарӣ

коллегиа́льн||ый, -ая, -ое коллегиалӣ, ...и коллегия, бо маслиҳат; **~ое реше́ние вопро́са** ҳалли коллегиалии масъала

колле́гия *ж* 1. коллегия, ҳайат; **~ министе́рства** коллегияи вазорат; **редакцио́нная ~** ҳайати таҳририя; **суде́йская ~** *спорт.* ҳайати ҳакамҳо 2. коллегия *(дар органҳои суд)* 3. *ист.* коллегия *(номи идораҳои ҳукуматӣ дар Россияи асри 18)* 4. *уст.* коллегия *(номи баъзе муассисаҳои илмӣ дар Россияи пешазреволюционӣ)*

колле́дж *м* коллеҷ *(мактаби олӣ ё миёна дар Англия ва ШМА)*

колле́ж *м* коллеж *(мактаби миёна дар Франция, Бельгия ва Швейцария)*

колле́жский, -ая, -ое ...и маъмурӣ *(қисми таркибии баъзе унвонҳо дар Россияи пешазреволюционӣ)*; **~ сове́тник** мушовири маъмурӣ

коллекти́в *м* коллектив; **заводско́й ~** коллективи завод; **кре́пко спа́янный ~** коллективи аҳл; **самоде́ятельный худо́жественный ~** коллективи ҳаваскорони (санъати) бадеӣ

коллективиза́ция *ж* коллективизация, коллективонидан(и); **~ се́льского хозя́йства** коллективонидани хоҷагии қишлоқ

коллективизи́ровать *сов., несов. кого-что* коллективӣ кардан, коллективонидан; **~ се́льское хозя́йство** хоҷагии қишлоқро коллективонидан

коллективи́зм *м* коллективизм; **воспита́ние в ду́хе ~а** тарбия дар рӯҳи коллективизм

коллективи́ст *м* коллективист, коллективчӣ, тарафдори коллективизм

коллективи́стка *женск. к* **коллективи́ст**

коллективи́стский, -ая, -ое коллективистӣ, ...и коллективист, ...и коллективчӣ

коллекти́вно *нареч.* коллективона; **обсуди́ть вопро́с ~** масъаларо коллективона муҳокима кардан

коллекти́вность *ж* коллективӣ, коллективӣ будан(и); **~ руково́дства** роҳбарии коллективӣ

коллекти́вн||ый, -ая, -ое якҷоя, коллективӣ; **при́нцип ~ого руково́дства** принципи роҳбарии коллективӣ; **~ый труд** меҳнати якҷоя; **~ое хозя́йство** хоҷагии коллективӣ ◇ **~ый до́говор** шартномаи коллективӣ

колле́ктор *м* коллектор (1. *муассисае, ки чизеро, мас. китобҳоро барои китобхонаҳо ҷамъ мекунад* 2. *шахсе, ки рӯйхати маъданиётро тартиб дода онҳоро нигоҳ медорад* 3. *тех. қисми мошини динамо, ки энергияи тағьирьёбандаи электрикиро ба энергияи доимӣ мубаддал мекунад* 4. *тех., стр. қубури калоне, ки газу оби аз дигар қубуру каналҳо омадаро берун мепартояд* 5. *тех. роҳрави зеризаминии таги кӯчаҳо барои гузаронидани кабелу қубурҳо)*

колле́кторный, -ая, -ое ...и коллектор, коллекторӣ

коллекционе́р *м* коллекционер, ҷамъкунандаи коллекция

коллекционе́рский, -ая, -ое коллекционерӣ, ...и коллекционер

коллекционе́рство *с* коллекция кардан(и)

коллекциони́рование *с (по знач. гл.* **коллекциони́ровать)** коллекция кардан(и)

коллекциони́ровать *несов. что* коллекция кардан, коллекция ҷамъ кардан; **~ почто́вые ма́рки** маркаҳои почтаро коллекция кардан; **~ карти́ны** расмҳоро коллекция кардан

коллекциони́роваться *несов. страд.* коллекция карда шудан

коллекцио́нн||ый, -ая, -ое ...и коллекция; **~ые ма́рки** маркаҳои коллекция

колле́кци||я *ж* коллекция *(ҷамъи чизҳои якҷинса)*; **~я минера́лов** коллекцияи минералҳо; **~я карти́н** коллекцияи расмҳо; **собира́ть ~ю** коллекция ҷамъ кардан

колли́зия *ж* коллизия (1. *задухӯрд ё муқобилати қувваҳо, мақсадҳо ва манфиатҳои ба ҳамдигар зид дар муносибатҳои инсонӣ* 2. *тасвири мубориза тезу тунд дар асарҳои бадеӣ)*

коллоида́льн||ый, -ая, -ое *хим.* ...и коллоид, коллоидӣ; **~ый раство́р** маҳлули коллоид; **~ые вещества́** моддаҳои коллоидӣ

колло́идн||ый, -ая, -ое *хим.* ...и коллоид, коллоидӣ; **~ое сво́йство** хусусияти коллоидӣ; **~ое состоя́ние** ҳолати коллоидӣ

колло́иды *мн.* *(ед.* **колло́ид** *м)* *хим.* коллоидҳо *(моддаҳое, ки шӯша намебананд ва маҳлули онҳо аз пардаҳои наботот ва ҳайвонот намегузарад, мас. сафедӣ, крахмал, елим ва ғ.)*

колло́квиум *м* коллоквиум (1. *суҳбати муаллим бо студентон бо мақсади санҷидани дараҷаи дониши онҳо* 2. *ҷамъомади илмӣ, ки дар он маърӯзаҳо мешунаванд ва онҳоро муҳокима мекунанд)*; **провести́ ~** коллоквиум гузарондан

колобо́к *м обл.* кулча *(нон)*

колобро́дить *несов. прост.* 1. *(шуметь)* ғавғо (мағал) кардан; шӯхӣ кардан 2. *(бесцельно бродить)* саёқ-саёқ гаштан 3. *перен. (о мыслях и т. п.)* саргиҷ шудан

колобро́дник *м прост.* одами серғавғо; бекорхӯҷа

коловоро́т *м* 1. *тех.* пармаи дастӣ 2. *обл.* гирдоб

коловра́тный, -ая, -ое чархзананда, даврзананда; **~ механи́зм** механизми даврзананда

коловраще́ние *с уст.* гирдоб; даврзанӣ, гардиш

коло́д||а I *ж* 1. чӯби ғӯла, кунда 2. *перен. (о толстом, неповоротливом человеке)* лаванд, даванг 3. нова; **водопо́йная ~а** новаи обхӯрӣ ◇ **вали́ть**

через пень ~у кореро ҳарому ҳариш (чалачулпа) кардан

коло́да II *ж* дастаи қарта

коло́езн||ый, -ая, -ое 1. ...и чоҳ, ...и қудуқ; **~ая вода́** оби чоҳ; **~ый жура́вль** манҷаниқи чоҳ; **~ый сруб** девораи чубини чоҳ 2. *тех.* ...и чоҳ; **~ая добы́ча не́фти** нафтканӣ аз чоҳ

коло́дезь *м уст. см.* **коло́дец**

коло́дец *м* 1. чоҳ, қудуқ; **глубо́кий ~** чоҳи чуқур; **артезиа́нский ~** чоҳи артезианӣ 2. *тех.* чоҳ, чуқурӣ; **ша́хтный ~** чоҳи шахта; **ми́нный ~** чуқурии минахобонӣ; **ка́бельный ~** чуқурии кабель ◇ **не плюй в ~ — пригоди́тся воды́ напи́ться** *посл.* ≈ он ҷо ки намак хурдӣ, намакдон машикан

коло́дк||а *ж* 1. қолиб; **сапо́жные ~и** қолибҳои пойафзол 2. ғулаи чорраха; **~а руба́нка** дастаи ранда 3. *тех.* (*в тормозном устройстве*) кафи тормоз 4. *мн.* **коло́дки** *уст.* кунда, шиканҷа 5. (*для орденов и медалей*) колодка (*тахтачаҳое, ки ба ҷои худи орден ба сина меовезанд ва ҳар яке аломати ин ё он орден аст*) ◇ **все на одну́ ~у скро́ены (сби́ты, сде́ланы)** *прост. неодобр.* ҳамаи онҳо аз як қолиб (аз як гӯр) баромадагӣ

коло́дник *м уст.* бандӣ, маҳбуси кундабандшуда

коло́к I *м* 1. *обл.* яккамех 2. *муз.* гушак (*дар танбур, дутор, ва ғ.*)

ко́лок II *м обл.* дарахтзори хурди дашт; **во́дятся во́лки в на́шем ко́лке** *посл.* ≈ мо хам ба ин бало гирифторем

ко́локол *м* 1. занг, ноқус, зангула; **уда́рить в ~** ноқус задан; **звон ~о́в** занги (садои) ноқус 2. *тех.* зангула; **водола́зный ~** зангулаи ғаввосӣ 3. *мн.* **колокола́** *муз.* зангулаҳо ◇ **лить ~а́** *уст.* дуруғ гуфтан, суханчинӣ (ғайбат) кардан; **звони́ть (трезвонить) во все ~а** *прост.* чор андохтан, овоза паҳн кардан

колоко́льный I, -ая, -ое ...и зангула, ...и занг, ...и ноқус; **~ звон** садои зангула

колоко́льн||ый II, -ая, -ое ...и зангулахона, ...и ноқусхона; **~ые часы** соати зангулахона

колоко́льн||я *ж* манораи зангула, зангулахона, ноқусхонаи калисо ◇ **отзвони́л и с ~и доло́й** сарам-дилам кор кард; **смотре́ть со свое́й ~и на кого́-что́-л.** касеро, чизеро бо гази худ чен кардан

колоко́льчик *м* 1. *уменьш. к* **ко́локол** 1; **на расписно́й дуге́ бренча́л ~** дар дуғаи нақшин зангулача ҷиринг-ҷиринг мекард 2. *бот.* гули момо (*рисшании зангулачамонанд*)

коло́менск||ий, -ая, -ое: **~ая верста́, с (в) ~ую версту́** сафедор барин баланд, одами қаддарози бесулуқай

коломя́нка *ж* (*ткань*) коломянка (*матои бадошти катонӣ*)

коло́н *м* чорьяккор, колон (1. *ист. дар Рими Қадим — иҷорагири замини заминдори калон* 2. *дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ — номи калбағалҳо, деҳқонҳои иҷорагир*)

колониали́зм *м* мустамликадорӣ

колониа́льн||ый, -ая, -ое мустамликавӣ, ...и мустамлика; **~ая поли́тика** сиёсати мустамликадорӣ; **~ый гнёт** зулми мустамликавӣ ✧ **~ая ла́вка** дукони молҳои аҷнабӣ (*дар Россияи пеш аз революция — дуконе, ки молҳои аҷнабиро мефурӯхт*)

колониза́тор *м* 1. мустамликадор, мустамликачӣ 2. *см.* **колони́ст**

колониза́торский, -ая, -ое ...и мустамликадорӣ, ...и мустамликачӣ

колонизацио́нный, -ая, -ое ...и мустамликадорӣ

колониза́ция *ж* (*по знач. гл.* **колонизи́ровать**) мустамлика кардан(и)

колонизи́ровать *сов., несов. что* 1. мустамлика кардан (гардондан) 2. маскун кардан (*оид ба ҷойҳои холии мамлакате*)

колонизова́ть *то же, что* **колонизи́ровать**

колони́ст *м* муҳоҷир

колони́стский, -ая, -ое ...и муҳоҷир

коло́ния *ж* 1. *полит.* мустамлика (*мамлакати тобеи давлати империалистӣ*); 2. (*поселение*) қасабаи муҳоҷирон 3. (*общежитие*) хона; **~ глухонемы́х** хонаи гунгҳо 4. (*сообщество земляков*) ҷамоа 5. *биол.* макон; **~ кора́ллов** макони марҷонҳо

коло́н||ка *ж* 1. *уменьш. к* **коло́нна** 1; 2. (*столбец*) сутун; **газе́тная полоса́ в пять ~ок** саҳифаи газета иборат аз панҷ сутун 3. колонка; **бензи́новая ~ка** колонкаи бензингирӣ; **га́зовая ~ка** колонкаи газ

колонко́в||ый, -ая, -ое ...и савсор; ...и пусти савсор; **~ая шу́ба** пустини савсорӣ

коло́нна *ж* 1. *архит.* сутун; **большо́й дом с ~ми** иморати калони сутундор 2. (*строй*) саф, қатор, фавҷ; **похо́дная ~** *воен.* сафи сафар; **кильва́терная ~** *мор.* корвони киштиҳо; **~ демонстра́нтов** сафи намоишчиён 3. *тех.* манор (*номи аппаратҳои цилиндршакл*) ◇ **пя́тая ~** колоннаи панҷум (*номи контрреволюционерҳои дохилӣ*)

колонна́да *ж архит.* қаторсутун

коло́нный, -ая, -ое ...и сутун; **~ зал** зали сутундор

колоно́к *м зоол.* савсор; (*мех*) пусти савсор

колонти́тул *м полигр.* унвони саҳифа

колонци́фра *ж полигр.* рақами саҳифа

колора́дский, -ая, -ое: **~ жук** гамбуски Колорадо

колорату́ра *ж муз.* марғула

колорату́рн||ый, -ая, -ое марғуладор; **~ая а́рия** арияи марғуладор

колори́т *м* 1. *жив.* обуранг, тобиш (*муносибати рангҳои ягон сурат*); **я́ркий ~** тобиши баланд; **све́тлый ~** обуранги равшан 2. *перен.* хислат, хусусият; **~ эпо́хи** хусусияти замон

колори́тность *ж* обурангнокӣ, образнокӣ, хушобуранг будан(и)

колори́тн||ый, -ая, -ое (колори́т|ен, -на, -но) 1. *жив.* обурангдор, образнок, хушобуранг; **~ый пейза́ж** пейзажи хушобуранг 2. *перен.* ба худ хос, ба худ махсус; **~ая фигу́ра** одами ғалатӣ

ко́лос *м* хуша, сараки ғалла; **спе́лые коло́сья пшени́цы** хушаҳои пухта расидаи гандум

колоси́стый, -ая, -ое (колоси́ст, -а, -о) серхуша; хушакалон

колоси́т||ься *несов.* хуша бастан, сар кашидан, дар айни хушабандӣ будан; **пшени́ца ~ся** гандум дар айни хушабандӣ аст

колосни́к *м* 1. (*в топках*) панҷараи, даруни оташдон 2. *мн.* **колосники́** *театр.* тори саҳна (*хавозаи болои саҳнаи театр, ки декорацияҳоро ба он мебанданд*) 3. *мн.* **колосники́** *уст. с.-х.* хавоза (*чиҳозест, ки аз ходаҳо мебардоранд ва дар руи он бандҳои ғалларо хушк мекунанд*)

колоснико́вый, -ая, -ое ...и панҷараи печка; ...и тори саҳна; ...и хавоза

колосов||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и хуша, хушадор; **~ые культу́ры** зироатҳои хушадор 2. *в знач. сущ.* **колосовы́е** *мн. бот.* ғалла, растаниҳои ғалладона; **убо́рка ~ы́х** дарави ғалла

коло́сс *м* 1. *уст.* бути бузург 2. *перен. книжн.* шахси муаззам (бузург); **~ы нау́ки** бузургони илм ◇ **~ на гли́няных нога́х** номи калону деҳи вайрон

колосса́льность *ж* азимӣ, бузургӣ, бузург будан(и)

колосса́льн||ый, -ая, -ое (колосса́|лен, -льна, -льно) азим, бениҳоят калон, фавқулодда бузург; **~ые бога́тства** боигариҳои азим; **~ый успе́х** муваффақияти бениҳоят калон

колоти́ть *несов.* 1. *чем, по чему, во что* куфтан, задан; **~ в дверь** дарро задан (куфтан); **~ в бараба́н** нақора задан 2. *кого-что разг.* лат кардан; **~ кого́-л. па́лкой** касеро калтаккорӣ кардан 3. *кого-что перен. разг.* шикаст (зарба) додан, мағлуб кардан; **~ непри́ятеля** ба душман зарба додан 4. *что разг.* шикастан, зада шикастан; **~ посу́ду** зарфҳоро шикастан 5. *кого-что перен. разг.* ларзондан, ба ларза андохтан; **его́ колоти́ла лихора́дка** уро таб ба ларза андохт 6. *что* афшондан; **~ ковёр** қолинро афшондан

колоти́||ться *несов.* 1. *разг.* куфтан, задан; **ста́вни от ве́тра ~лись об стё́ны** даричаҳои пушти тиреза аз шамоли сахт-сахт ба девор мезаданд; **зу́бы ~лись оди́н об друго́й** дандонҳо шароққос мезаданд 2. задан, тапидан; **се́рдце си́льно ~ло́сь** дил сахт метапид 3. *страд.* шикаста шудан; афшонда шудан

колоту́ш||ка *ж* 1. (*деревянный молоток*) кубак, туқмоқ 2. шақилдоқ; **где́-то стуча́ла ~ка ночно́го сто́рожа** аз ким-куҷо садои шақилдоқи посбон меомад 3. *чаще мн.* **колоту́шки** *прост.* мушт; **надава́ть ребя́там ~ек** бачаҳоро задан

ко́лотый I, -ая, -ое 1. *прич.* парча-парча (лунда-лунда) кардашуда 2.

прил. (о дровах) кафондашуда, майда кардашуда; *(о сахаре)* лўнда, сафед; ~ **сахар** қанди сафед

ко́лот||ый II, -ая, -ое *прич. и прил.* шикофта; ~**ая ра́на** захми шикофта

коло́ть I *несов. что* шикастан, майда кардан, кафондан; ~ **лёд** яхро шикастан; ~ **оре́хи** чормағз шикастан; ~ **дрова́** ҳезум кафондан

коло́||ть II *несов.* 1. *кого-что и без доп.* халидан, дард кунондан; **о́стрый щёбень** ~**л но́ги** сангрезаи тез ба пой мехалид 2. *кого-что* халонда куштан; ~**ть штыко́м** сарнайза халондан 3. *безл. что, в чём и без доп.* хала задан; **в боку́ ко́лет** биқин хала мезанад 4. *кого-что перен. (упрекать)* сахт расидан ◇ ~**ть глаза́** 1) *кому чем* таъна кардан (задан) 2) *кому* нофорам (нафратовар) будан; **пра́вда глаза ко́лет** *посл.* сухани ҳақ талх мешавад

ко́лотье, колотьё *с разг.* хала, халазанӣ, дарди хала; ~ **в боку́** дарди халаи биқин

коло́ться I *несов.* 1. халидан, халондан; **хвоя ко́лется** барги дарахти сўзанбарг мехалад 2. *(холодным оружием)* шамшеркашӣ (кордкашӣ, шамшерзанӣ) кардан

коло́ться II *несов.* 1. *(поддаваться колке)* пора (майда) шудан, шикастан 2. *страд.* шикаста (кафонда) шудан

коло́ша *ж тех.* колоша *(вояи муайяни маъдан ва сузишворӣ, ки якбора ба кўра андохта мешавад)*; **ко́ксовая** ~ колошаи кокс

колоше́ние *с (по знач. гл.* **колоси́ться***)* хушабандӣ, саракбандӣ; ~ **пшени́цы** хушабандии гандум

колошмати||ть *несов. кого прост.* куфтан, задан, лат кардан; **ма́льчики** ~**ли** друг дру́га бачаҳо якдигарро мезаданд

колошни́к *м тех.* колошник, даҳанаи кура

колошнико́вый, -ая, -ое *тех.* ...и колошник

колпа́к *м* 1. калапўш, қалпоқ; **пова́рской** ~ қалпоқи ошпаз; **шутовско́й** ~ қалпоқи масхарабоз 2. *(покрышка)* сарпўш, қапқоқ 3. *перен. уст. прост.* одами содда ◇ **держа́ть под [стекля́нным]** ~**о́м кого́-л.** касеро беандоза эҳтиёт кардан

колпачо́к *м уменьш. к* **колпак** 1, 2

колту́н *м вет., мед.* ушкуфаи муй

колумба́рий *м* турбатҷо

колу́н *м* табар, табари ҳезумшиканӣ

колупа́ть *несов. что прост.* кандан, баркандан, кофта (канда) гирифтан

колупну́ть *сов. однокр. к* **колупать**

колхо́з *м.* 1. колхоз; **передово́й** ~ колхози пешқадам 2. *разг. (колхозники)* аҳли колхоз, аъзоёни колхоз, колхозчиён; **хло́пок собира́ли всем** ~**ом** пахтаро тамоми аҳли колхоз мечиданд

колхо́зник *м* колхозчӣ

колхо́зница *женск. к* **колхо́зник**

колхо́зн||ый, -ая, -ое ...и колхоз, колхозӣ; ~**ое крестья́нство** деҳқонони колхозӣ; ~**ые ста́да** подаҳои колхоз

колча́н *м ист.* тирдон, тиркаш

колчеда́н *м* колчедан *(номи умумии пайвастҳои сульфурдор; моносульфидҳо)*; **ме́дный** ~ колчедани мис; **се́рный** ~ колчедани гугирд

колчеда́нн||ый, -ая, -ое ...и колчедан, колчеданӣ; ~**ые за́лежи** конҳои колчедан; ~**ые ру́ды** маъданҳои колчеданӣ

колчено́гий, -ая, -ое *прост.* 1. ланг, чўлоқ; ~ **мужчи́на** марди ланг 2. *перен.* ҷунбонак, лиққонак; ~ **стол** столи лиққонак

колыбе́л||ь *ж* 1. гаҳвора, маҳд; **кача́ть** ~**ь** гаҳвора ҷунбондан 2. *перен.* гаҳвора *(макон ва манбаи пайдо шудани чизе)*; **Ленингра́д — ~ Вели́кой Октя́брьской социалисти́ческой револю́ции** Ленинград — гаҳвораи революцияи Кабири Социалистии Октябрь ◇ **с (от)** ~**и** аз гаҳвора, аз бачагӣ; **стоя́ть у** ~**и чего́-л.** дар сарғаҳи коре истодан

колыбе́льн||ый, -ая, -ое 1. гаҳворагӣ, ...и гаҳвора; ~**ый во́зраст** синни гаҳворагӣ; ~**ая пе́сня** алла 2. *в знач. сущ.* **колыбе́льная** *ж то же, что* ~**ая пе́сня**

колыма́га *ж уст.* 1. фойтун 2. *перен.* аробаи калони бесулуқай

колыха́ние *с (по знач. гл.* **колыха́ть***)* ҷунбониш, лаппасзанонӣ; *(по знач. гл.* **колыха́ться***)* ҷунбиш, лаппасзанӣ

колыха́ть *несов. кого-что* ҷунбондан, лаппас занондан, алвонҷ додан; **ве́тер колы́шет знамёна** шамол байрақҳоро алвонҷ медиҳад

колыха́ться *несов.* ҷунбидан, лаппас задан, алвонҷ хурдан; **ло́дки колы́шутся на воде́** қаиқҳо дар руи об меҷунбанд

колыхну́ть(ся) *сов. однокр. к* **колыха́ть(ся)**

ко́лыш||ек *м уменьш. к* **кол** I 1; **вбить в зе́млю** ~**ки для пала́тки** барои хайма ба замин меххои чубин задан

коль *союз см.* **ко́ли** ◇ ~ **ско́ро** *уст.* агар, модом ки ...

кольдкре́м *м* кольдкрем *(равғани косметикӣ барои мулоим кардани пуст)*

колье́ *с* шадда

кольну́ть *сов. однокр. к* **коло́ть** II

кольра́би *ж бот.* карам, тошкарам

кольт *м* кольт *(як намуди таппонча ва пулемёт)*

кольцева́ние *с (по знач. гл.* **кольцева́ть***)* шилммолӣ; ҳалқаандозӣ

кольцева́ть *несов.* 1. *что (деревья)* шилм молидан *(ба гирди танаи дарахтон)* 2. *кого (птиц, рыб)* ҳалқа андохтан *(ба панҷаи паррандаҳо ва думи моҳиҳо)*

кольцев||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и ҳалқа, ҳалқагӣ, парҳунӣ 2. доирашакл, мудаввар, ...и давродавр; ~**а́я желе́зная доро́га** роҳи оҳани давродавр; ~**о́е окруже́ние** *воен.* муҳосира

кольцо́ *с* 1. ангуштарин; ~ **с драгоце́нным ка́мнем** ангуштарини сангаш қиматбаҳо; **обруча́льные ко́льца** ангуштаринҳои никоҳи 2. ҳалқа, доира; **вытяжно́е** ~ **парашю́та** ҳалқаи кушоиши парашют; **гимнасти́ческие ко́льца** ҳалқаҳои гимнастикӣ 3. ҳалқа; **чёрные ко́льца воло́с** кокаки зулфҳои сиёҳ; **жёлтые ко́льца стру́жек** парахаҳои ҳалқашакли зард 4. *в знач. нареч.* **кольцо́м, ко́льцами** ҳалқа-ҳалқа, ҳалқа зада; **ко́льцами клуби́лся дым** дуд ҳалқа-ҳалқа мебаромад; **сверну́ться** ~**м** печида хобидан ◇ **трамва́йное** ~ роҳи давродаври трамвай; **годи́чные ко́льца** *бот.* солҳалқа; **взять в** ~ *воен.* муҳосира кардан

ко́льчат||ый, -ая, -ое 1. ҳалқанок, ҳалқа-ҳалқа, аз ҳалқаҳо иборат; ~**ые сосу́ды расте́ний** рагҳои ҳалқашакли растаниҳо 2. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои зоологӣ ва ботаникӣ* ҳалқашакл; ~**ые чёрви** ҳалқакирмҳо; ~**ый шалфе́й** кампиргулаки ҳалқашакл

кольчу́га *ж ист.* зиреҳ

кольчу́жный, -ая, -ое *ист.* ...и зиреҳ

колю́честь *ж* 1. хордорӣ, хорнокӣ, хордор (хорнок) будан(и) 2. *перен.* тезӣ, талхӣ, нешдорӣ; ~ **взгля́да** теғи нигоҳ

колю́ч||ий, -ая, -ее (колюч, -а, -е) 1. хордор, хорнок; ~**ий куста́рник** буттаи хордор; ~**ая про́волока** симхор 2. халанда; тез, тезу тунд; ~**ие усы́** муйлаби халанда; ~**ие снежи́нки** зарраҳои халандаи барф 3. *перен.* тез, талх, нешдор; ~**ий язы́к** забони тез (нешдор); ~**ий взгляд** нигоҳи тез; ~**ие вопро́сы** саволҳои нешдор 4. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои зоологӣ ва ботаникӣ* хордор; ~**ий боя́рышник** дулонаи хордор

колю́чк||а *ж разг.* хор // *чаще мн.* **колю́чки** хорҳо; ~**и боя́рышника** хорҳои дулона; ~**и ежа́** хорҳои хорпуштак ◇ **верблю́жья** ~**а** *бот.* янтоқ

ко́лющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* халонанда, мехалондагӣ 2. *прил.* халанда, халонанда; ~**ие о́рганы насеко́мых** *зоол.* неши ҳашарот ◇ ~**ие бо́ли** хала

коля́да *ж* коляда *(одати қадими украиниҳо, ки арафаи соли нав дўстон ва ҳамсояҳоро бо суруд табрик мекунанд)*

коля́дка *ж* колядка *(сурудӣ қадимии маросимӣ, ки дар арафаи соли нав мехонанд)*

колядова́ть *несов.* ҳавлӣ ба ҳавлӣ гашта [суруди] колядкаро хондан

коля́ск||а *ж* 1. *(экипаж)* коляска, фойтун 2. *(детская)* аробачаи бачагона 3. сечарха; **мотоци́кл с** ~**ой** мотоцикли сечарха

ком I *м (мн.* **ко́мья***)* лўнда, кулула, кулўх; ~**ья гря́зи** лундаҳои лой ◇ ~ **в го́рле** гулугир

ком II *предл. от* **кто**

ком- I *қисми аввали калимаҳои мураккаби ихтисор кардашуда бо маънои «коммунистӣ»*: **компа́ртия** компартия, партияи коммунистӣ

ком- II *қисми аввали калимаҳои мураккаби ихтисор кардашуда ба маъ-*

нои «фармондеҳ», «командир»: **комсостав** (командный состав) ҳайати командирҳо; **комбриг** (командир бригады) комбриг, командири бригада

²ком *м қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «комитет»:* **местком** (местный комитет) местком, комитети маҳаллӣ

кома *ж мед.* кома, иғмо *(ҳолати беҳушӣ дар натиҷаи заҳролуд шудани асабҳо ва майна)*

команд||а *ж* 1. фармон; **подать ~у** фармон додан 2. фармондиҳӣ; **принять ~у** фармондиҳиро қабул кардан; **сдать ~у кому-л.** фармондиҳиро ба касе супурдан; **под ~ой кого-л.** дар зери фармондиҳии касе 3. даста, команда; **~а крейсера** командаи крейсер; **футбольная ~а** командаи футболбозон; **пожарная ~а** командаи зидди сухтор; **спасательная ~а** командаи наҷот; **~а-победитель** командаи ғолиб; **~а-призёр** командаи пешсаф; **~а-участница** командаи иштирокчӣ 4. *разг. шутл.* гала, гуруҳ; **весёлая ~а ребят** гуруҳи бачагони шух ◇ **как по ~е** якбора, бо як овоз; **доложить по ~е** *воен.* ба командири калон хабар додан

командарм *м* (командующий армией) командарм, фармондеҳи армия

командир *м* 1. *воен.* командир; **~ роты** командири рота; **~ подводной лодки** командири киштии зериобӣ 2. *перен.* роҳбар; **~ы производства** роҳбарони истеҳсолот

командирование *с* (*по знач. гл.* **командировать**) командировка кардан(и), ба командировка фиристодан(и)

командированный, -ая, -ое 1. *прич.* командировка кардашуда 2. *в знач. сущ.* **командированный** *м* командировкашуда, ба командировка омадагӣ

командировать *сов., несов. кого-что* командировка кардан, [ба командировка] фиристодан (роҳӣ кардан)

командир||оваться *несов. страд.* [ба командировка] роҳӣ карда шудан; **он ~уется в Ленинград** вай ба Ленинград фиристода мешавад

командировк||а *ж* 1. *разг. см.* **командирование;** 2. командировка; **получить ~у** командировка гирифтан 3. *разг.* шаҳодатномаи командировка; **выписать ~у** шаҳодатномаи командировкаро тайёр кардан; **предъявить ~у** шаҳодатномаи командировкаро нишон додан

командировочн||ый, -ая, -ое 1. ...и командировка, командировкагӣ; **~ое удостоверение** шаҳодатномаи командировка 2. *в знач. сущ.* **командировочный** *м*, **командировочная** *ж* командировкашуда, фиристодашуда 3. *в знач. сущ.* **командировочные** *мн.* пули командировка; **получить ~ые** пули командировкаро гирифтан

командирский, -ая, -ое командирӣ, ...и командир; **~ опыт** таҷрибаи командирӣ

командирша *ж* 1. *прост.* зани командир 2. *перен.* занаки серлабу даҳон

командн||ый, -ая, -ое 1. ...и команда; **~ые соревнования** мусобиқаи командаҳо 2. ...и фармондиҳӣ; ...и командирҳо; **~ые должности** вазифаҳои фармондиҳӣ; **~ый состав** ҳайати командирҳо 3. *перен.* ...и баланд, боло; **~ое положение** мавқеи баланд ◇ **~ая высота** *воен.* маҳалли боло; **~ый пункт** *воен.* нуқтаи фармондиҳӣ

командовани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **командовать**) фармондиҳӣ; **принять ~е** вазифаи фармондиҳиро қабул кардан; **отстранить от ~я** аз фармондиҳӣ дур кардан 2. *собир.* ҳайати фармондиҳандагон; **Верховное ~е** Ҳайати фармондиҳандагони олӣ

командова||ть *несов.* 1. команда (фармон) додан, амр кардан 2. *кем-чем* командирӣ кардан, командир будан, фармондиҳӣ (ҳукмфармоӣ) кардан; **~ть полком** ба полк командирӣ кардан; **~ть парадом** ба парад фармондиҳӣ кардан 3. *кем-чем, над кем-чем и без доп. перен. разг.* хуҷаинӣ кардан, фармон додан 4. *над чем перен.* баланд истодан (будан); аз ҳама баландтар будан; **эта высота ~ла над местностью** *воен.* ин теппа дар ҷои аз ҳама баланд воқеъ гардида буд

командор *м* 1. *ист.* командор *(яке аз унвонҳои олии тариқатҳои рыцарҳои асри миёна)* 2. *спорт.* роҳбар, командор; **~ автомобильного пробега** роҳбари пойгаи автомобильҳо

командорск||ий, -ая, -ое ...и командор, командорӣ; **~ое звание** унвони командор

командующий, -ая, -ее 1. *прич.* командадиҳанда, фармондиҳанда 2. *в знач. сущ.* **командующий** *м* фармондеҳ; **~ армией** фармондеҳи армия; **~ войсками военного округа** фармондеҳи қушунҳои округи ҳарбӣ

комар *м* пашша, хомӯшак; **малярийный ~** пашшаи вараҷа ◇ **~ носу (носа) не подточит** *погов.* касе ғинги гуфта наметавонад

комариный, -ая, -ое ...и пашша, ...и хомушак; **~ укус** газидани хомушак

коматозн||ый, -ая, -ое *мед.* ...и кома; **~ое состояние** ҳолати кома

комбайн *м* комбайн; **самоходный ~** комбайни худгард; **зерноуборочный ~** комбайни ғаллағундорӣ; **угольный ~** комбайни ангиштканӣ

комбайнер *м* комбайнрон, комбайнчӣ

комбайнерка *разг. женск. к* **комбайнер**

комбайнирование *с с.-х.* бо комбайн ғундоштан(и)

комбайнов||ый, -ая, -ое ...и комбайн, комбайнӣ; **~ый агрегат** агрегати комбайн; **~ая бригада** бригадаи комбайнчиён; **~ая уборка зерновых** бо комбайн ғундоштани ғалла; **~ая добыча угля** бо комбайн кандани ангиштсанг

комбайностроение *с* комбайнсозӣ

комбат *м* 1. (командир батальона) комбат, командири батальон 2. (командир батареи) комбат, командири батарея

комбед *м* (комитет бедноты) *ист.* комбед, комитети камбағалон *(ташкилотҳои камбағалони деҳот дар қисми европоии Россия ва Белоруссия, ки то охири соли 1918 вазифаи Советҳоро иҷро мекарданд)*

комбижир *м* (комбинированный жир) комбижир, равғани омехта

комбикорм *м* (комбинированный корм) комбикорм, ему хошоки омехта

комбинат *м* комбинат; **целлюлозно-бумажный ~** комбинати коғаз; **мясо-молочный ~** комбинати гушту шир; **~ бытового обслуживания** комбинати хизмати маишӣ; **учебный ~** комбинати таълимӣ

комбинатор *м разг. ирон.* корчаллон

комбинаторный, -ая, -ое комбинаторӣ; **~ анализ** таҳлили комбинаторӣ

комбинационный, -ая, -ое ...и комбинация, комбинационӣ; **~ стиль игры** *шахм.* услуби комбинационии бозӣ

комбинация *ж* 1. мувофиқат, мос омадан(и); **~ цифр** мос омадани рақамҳо; **~ красок** мувофиқати рангҳо 2. *перен.* ҳила, найранг; **ловкая ~** найранги моҳирона 3. *спорт.* комбинация, мансуба; **шахматная ~** комбинацияи шоҳмот 4. *(бельё)* комбинация *(куртаи таги зонона)* ◇ **~ из трёх пальцев** *см.* **кукиш**

комбинезон *м* комбинезон, корҷома

комбинирование *с* (*по знач. гл.* **комбинировать**) комбинация (якҷоя) кардан(и), ба ҳамдигар пайвастан(и)

комбинированн||ый, -ая, -ое комбинация кардашуда, мураккаб, муштарак, омехта; **~ые корма** ему хошоки омехта; **~ый удар по врагу** зарбаи муштарак ба душман

комбинировать *несов.* 1. *что* комбинация (якҷоя) кардан, ба ҳамдигар пайваст кардан; **~ краски** рангҳоро мос овардан 2. *разг.* ҳила (найранг) кардан

комбриг *м* (командир бригады) комбриг, командири бригада

комдив *м* (командир дивизии) комдив, командири дивизия

комедиант *м* 1. *уст. (актёр)* масхарабоз, ширинкор 2. *перен.* мунофиқ, риёкор, дуруя

комедиантство *с* 1. масхарабозӣ 2. *перен.* риёкорӣ, дуруягӣ

комедийный, -ая, -ое ...и мазҳака, мазҳакавӣ; **~ жанр** жанри мазҳака

комедиограф *м* мазҳаканавис

комеди||я *ж* 1. *лит., театр.* мазҳака 2. *перен.* воқеаи хандаовар, ҳодисаи аҷиб, масхарабозӣ; **~я, да и только!** масхарабозӣ асту бас! 3. *перен.* мунофиқӣ, риёкорӣ, дуруягӣ ◇ **разыгрывать (ломать) ~ю** дуруягӣ (найрангбозӣ) кардан

комель *м* зертана, ҷои ғафси ғӯлачӯб

комендант *м* комендант; **~ крепости** *воен.* коменданти қалъа; **~ города** коменданти шаҳр; **~ общежития** коменданти хобгоҳи умумӣ

комендантский, -ая, -ое 1. комендантӣ, ...и комендант; **~ патруль**

патрули коменданти 2. *в знач. сущ.* **комендантская** *ж* комендантхона, хонаи кории комендант ◇ ~ **час** соати комендантӣ *(мӯҳлати муайяне, ки ҳангоми эълон шудани ҳолати ҳарбӣ бе рухсат ба кӯча баромадан манъ аст)*

комендатура *ж* комендатура, идораи комендатура

комендор *м мор.* комендор, тупчии киштӣ

комендорский, -ая, -ое ...и комендор, ...и тупчии киштӣ

комета *ж астр.* комета, ситораи думдор

кометный, -ая, -ое ...и комета, ...и ситораи думдор

коми 1. *м, ж нескл.* коми *(аҳолии асосии РАСС Коми)* 2 *в знач. неизм. прил.* коми; **язык** ~ забони коми

комизм *м* ҷиҳати хандаовари кор, тарафи мазҳакаомези ҳодиса; ~ **положения** ҷиҳати хандаовари вазъият

комик *м* 1. масхарабоз, ширинкор 2. *перен. разг.* масхарабоз, ширинкор 3. *уст.* мазҳаканигор

комикс *м* комикс *(силсилаи расмҳои матндор, ки мазмуну мундариҷаи пайвастае доранд ва дар нимаи асри 20 дар ШМА хеле маъмул гардида акидаҳои зуроварию ҷангҷуиро тарғиб мекунанд)*

комильфо *м неизм. уст.* хуштарбия, некуахлоқ, баодоб

коминтерн *м ист.* (К *прописное)* (Коммунистический Интернационал) Коминтерн, Интернационали Коммунистӣ

коминтерновский, -ая, -ое ...и Коминтерн, коминтернӣ

коми-пермяк *м* коми-пермӣ

коми-пермяки *мн.* коми-пермиҳо *(халқе, ки аҳолии асосии округи автономии Коми-Перми РСФСР-ро ташкил медиҳад)*

коми-пермяцкий, -ая, -ое ...и Коми-Пермь, коми-пермӣ; ~ **язык** забони коми-пермӣ

коми-пермячка *ж* коми-пермизан, коми-пермидухтар, зани (духтари) коми-пермӣ; *см.* **коми-пермяки**

комиссар *м* комиссар; **народный** ~ комиссари халқӣ; **военный** ~ комиссари ҳарбӣ

комиссариат *м* комиссариат; **народный** ~ комиссариати халқӣ; **военный** ~ комиссариати ҳарбӣ

комиссариатский, -ая, -ое ...и комиссариат, комиссариати

комиссарский, -ая, -ое комиссарӣ, ...и комиссар

комиссионер *м* комиссионер, даллол

комиссионерский, -ая, -ое ...и комиссионер, ...и даллол

комиссионн||ый, -ая, -ое 1. комиссионӣ, ...и комиссия; ~**ые операции** операцияҳои комиссионӣ; ~**ый магазин** магазини комиссионӣ 2. *в знач. сущ.* **комиссионные** *мн.* пули комиссия

комисси||я *ж* 1. комиссия; **избирательная** ~**я** комиссияи интихоботӣ; ~**я Верховного Совета СССР** комиссияи Совети Олии СССР; **государственная плановая** ~**я** комиссияи давлатии планкашӣ; **закупочная** ~**я** комиссияи харид; **призывная** ~**я** комиссия даъват ба хизмати ҳарбӣ; **ревизионные** ~**и** комиссияҳои тафтишот 2. *торг.* комиссия, супориш, ваколатдиҳӣ *(барои хариду фурӯши чизе)*; **брать вещи на** ~**ю** чизҳоро ба комиссия гирифтан; **сдать на** ~**ю** ба комиссия супурдан 3. *перен. уст. шутл.* дарди сар

комитент *м торг.* комитент *(шахсе, ки харидан ё фурӯхтани чизеро ба комиссионер месупорад)*

комитет *м* комитет; **Центральный Комитет Коммунистической партии Советского Союза** Комитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ; **Исполнительный комитет Совета народных депутатов** Комитети Иҷроияи Совети депутатҳои халқ; **Советский** ~ **защиты мира** Комитети советии муҳофизати сулҳ; **Советский** ~ **ветеранов войны** Комитети советии ветеранҳои ҷанг

комитетский, -ая, -ое ...и комитет, комитетӣ

комическ||ий, -ая, -ое 1. ...и комедия, комедиявӣ, ...и масхарабоз; ~**ий сюжет** сюжети комедия; ~**ая роль** роли масхарабоз 2. ...и мазҳакачӣ, ...и масхарабоз; ~**ий талант** истеъдоди мазҳакачӣ 3. *перен.* аҷоиб, ғалатӣ, хандаовар(она); ~**ая фигура** одами аҷоиб (ғалатӣ)

комичность *ж* хандаовар будан(и); ~ **положения** ҷиҳати хандаоварии кор

комичный, -ая, -ое хандаовар, масхараомез; **он имел** ~ **вид** вай қиёфаи хандаовар дошт

комкать *несов. что* 1. ғиҷим кардан, кулула (лунда) кардан; ~ **платье** либосро ғиҷим кардан 2. *перен. разг.* бо телбагӣ (чалачулпа, нимкола, ҳарому ҳариш) иҷро кардан; ~ **урок** чалачулпа дарс додан; ~ **слова** калимаҳоро нофаҳмо (нимғурма) талаффуз кардан

комковат||ый, -ая, -ое лунда-лунда, кулухин, кулухдор; ~**ая почва** хоки кулӯхдор (серкулох)

комлев||ый, -ая, -ое ...и зертана, ...и ҷои ғафси ғӯлачӯб

комментари||й *м* 1. шарҳ, эзоҳ, тафсир 2. *чаще мн.* **комментарии** шарҳ, эзоҳот; ~**и к событиям текущей политики** шарҳи сиёсати ҷорӣ ◇ ~**и излишни** он чӣ ки аён аст, чӣ ҳоҷати баён аст

комментатор *м* шореҳ

комментаторский, -ая, -ое ...и шореҳ

комментирование *с (по знач. гл.* **комментировать)** шарҳдиҳӣ

комментировать *сов., несов. что* 1. шарҳ (эзоҳ) додан, тафсир кардан; ~ **текст** матнро шарҳ додан 2. шарҳ (эзоҳот) додан; ~ **последние события** воқеаҳои охиринро шарҳ додан

комментироваться *несов. страд.* шарҳ (эзоҳ) дода шудан, тафсир карда шудан

коммерсант *м* савдогар, тоҷир

коммерсантский, -ая, -ое ...и савдогар, ...и тоҷир

коммерци||я *ж* савдо, тиҷорат; **заниматься** ~**ей** савдогарӣ кардан; **поддерживать** ~**ю** *уст.* бозор тез кардан

коммерческ||ий, -ая, -ое ...и савдо, тиҷоратӣ; ~**ое предприятие** муассисаи савдо; ~**ие операции** муомилаи савдо ◇ ~**ий банк** банки тиҷоратӣ; ~**ий директор** муовини директор оид ба корҳои иқтисодию молиявӣ; ~**ие цены** нархҳои нисбатан баланд

коммивояжёр *м* гумошта

коммуна *ж* коммуна; **трудовая** ~ коммунаи меҳнатӣ ◇ **Парижская** ~ Коммунаи Париж

коммунально-бытов||ой, -ая, -ое коммуналии маишӣ; ~**ые учреждения** муассисаҳои коммуналии маишӣ

коммунальн||ый, -ая, -ое 1. ...и коммуна; коммуналӣ 2. коммуналӣ, ...и шаҳр; ~**ое строительство** сохтмони коммуналӣ; ~**ое хозяйство** хоҷагии коммуналӣ; ~**ые услуги** хизматҳои коммуналӣ ◇ ~**ая квартира** хонаи коммуналӣ

коммунар *м* 1. *ист.* коммунар *(иштироккунандаи Коммунаи Париж)* 2. аъзои коммуна

коммунизм *м* коммунизм; **борьба за победу** ~**а** мубориза барои ғалабаи коммунизм; **строители** ~**а** бинокорони коммунизм ◇ **военный** ~ *ист.* коммунизми ҳарбӣ; **научный** ~ коммунизми илмӣ

коммуникативный, -ая, -ое *лингв.* ...и алоқа, ...и робита

коммуникационн||ый, -ая, -ое ...и алоқа, ...и робита, алоқакунанда; ~**ые линии** роҳҳои алоқа

коммуникаци||я *ж* 1. алоқа, робита; **водные** ~**и** роҳҳои обӣ; **перерезать** ~**и** роҳҳои алоқаро буридан; **узел** ~**й** узели роҳҳои алоқа 2. *лингв.* алоқа

коммунист *м* коммунист

коммунистическ||ий, -ая, -ое коммунистӣ, коммунистона; **бесклассовое** ~**ое общество** ҷамъияти бесинфи коммунистӣ; ~**ое воспитание** тарбияи коммунистӣ; ~**ая мораль** ахлоқи коммунистӣ; ~**ая нравственность** одоби коммунистӣ; ~**ое отношение к труду** муносибати коммунистона ба меҳнат; ~**ая партия** партияи коммунистӣ; ~**ое строительство** сохтмони коммунистӣ

коммунистка *женск. к* **коммунист**

коммутатор *м тех.* коммутатор *(таҷҳизоти электромеханикӣ, электронӣ ё электронуриӣ, ки занҷири лозимаи электрикро интихоб намуда онро ба занҷири дигар мепайвандад — дастгоҳҳои васлҷудокунӣ, тақсимкунӣ, табдилдиҳандаҳо ва ғ.)*

коммутаторный, -ая, -ое ...и коммутатор, коммутаторӣ

коммутационн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и коммутация, коммутационӣ; ~**ая аппаратура** дастгоҳҳои коммутационӣ

коммутация *ж* коммутация *(процесси пайванди симҳо, кабельҳо, аппаратҳо)*

коммюнике́ *с* изҳорот, баёнот, коммюнике

ко́мната *ж* хона, утоқ; **кварти́ра из трёх ко́мнат** квартираи сехонагӣ; **~ о́тдыха** хонан истироҳат

ко́мнатн||ый, -ая, -ое хонагӣ, ...и хона, ...и утоқ; **~ая температу́ра** ҳарорати хона; **~ые расте́ния** растаниҳои хонагӣ

комо́д *м* ҷевон; **сложи́ть бельё в ~** либоси тагро ба ҷевон таҳ карда мондан

комо́к *м* лунда, кулула, кулух; **~ грязи** кулух ◇ **~ в го́рле стои́т (застря́л), ~ подступи́л (подкати́лся) к горлу** ҳаяҷон гулугир кард; ҳаяҷон роҳи нафасро гирифт; **сверну́ться (сжа́ться, съёжиться) в ~ (комко́м)** лунда шуда (кулча зада) хоб кардан

комо́л||ый, -ая, -ое *обл.* бешох, кал; **~ая коро́ва** гови бешох, калгов; **~ый оле́нь** гавазни бешох

комо́чек *м уменьш. к* **комо́к**

компа́ктно *нареч.* зич, ҷафс, ихчам; **~ уложи́ть ве́щи в чемода́н** чизҳоро ба ҷомадон зич ҷой кардан

компа́ктность *ж* зичӣ, ҷафсӣ, ихчамӣ; **~ укла́дки тю́ков** зичии ҷойгир кардани тойҳо

компа́ктный, -ая, -ое зич, ҷафс, ихчам; **~ шрифт** ҳуруфи майдаи зич

компане́йск||ий, -ая, -ое *разг.* улфат, улфатӣ, ҷақҷақӣ, ҷурабоз; **он ~ий па́рень** вай ҷавони улфат аст ◇ **на ~их нача́лах** ҳарифона, шарикона

компа́ни||я *ж* 1. ҷамоат, гуруҳ, туда; **идти́ куда-л. всей ~ей** туда шуда ба ҷое рафтан; **приня́ть кого́-л. в свою́ ~ю** касеро ба тудаи (ба гуруҳи) худ кабул кардан 2. ҳамроҳӣ, ҷурагӣ, ошноӣ; **поддержа́ть ~ю** улфати (ҳамроҳӣ) кардан, иштирок кардан; **расстро́ить ~ю** суҳбатро вайрон кардан, нишасти улфатҳоро халалдор кардан; **води́ть ~ю с ке́м-л.** бо касе ҷурагӣ кардан 3. ширкат; **акционе́рная ~я** ширкати акционерӣ, ширкати саҳмдорон ◇ **тёплая ~я** 1) *шутл.* ошноҳои нағз 2) *ирон. неодобр.* дастаи дуздон, дастаи авбошон; **за ~ю с ке́м-л.** бо ҳамроҳии касе, якҷоя бо касе; **он ему́ не ~я** вай ба у шарик ие

компаньо́н *м* 1. шарик, ҳамроҳ; **найти́ себе́ ~ов** ба худ шарик пайдо кардан 2. *(совладелец)* шарикмол

компа́ртия *ж* (коммунисти́ческая па́ртия) компартия, партияи коммунистӣ

ко́мпас *м* компас, қутбнамо; **идти́ по ~у** аз руи компас роҳ рафтан

ко́мпасн||ый, -ая, -ое ...и компас, ...и қутбнамо; **~ая стре́лка** ақрабаки компас

компенсацио́нн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҷубронӣ, талофӣ; **~ые соглаше́ния** муоҳидаи ҷубронӣ; **~ая су́мма** маблағи талоф 2. *тех.* ...и эҳтиётӣ; **~ая устано́вка** дастгоҳи эҳтиётӣ

компенса́ция *ж* 1. ҷуброн, подош, товон; **~ за неиспо́льзованный о́тпуск** пули отпуски истифода нашуда 2. *тех.* ислоҳ; **~ ко́мпаса** ислоҳи компас 3. *мед.* талофӣ

компенси́рованный, -ая, -ое *прич., прил.* компенсацияшуда; **~ поро́к се́рдца** *мед.* иллати ғароматшудаи дил

компенси́ровать *сов., несов. кого-что* ғаромат; эҳтиёт кардан, товон додан, пур кардан; **~ убы́тки** ҷои зарарро пур кардан

компенси́роваться 1. *сов., несов.* ҷуброн карда шудан, товон дода шудан 2. *несов. страд.* ғаромат карда шудан

компете́нтность *ж* 1. салоҳият доштан(и) 2. соҳибихтиёрӣ, соҳибҳуқуқ будан(и), ҳуқуқ

компете́нтн||ый, -ая, -ое 1. салоҳиятдор; **~ое мне́ние** ақидаи муътабар; **~ый врач** духтури боэътибор 2. соҳибихтиёр, соҳибҳуқуқ, комилҳуқуқ; **~ая организа́ция** ташкилоти комилҳуқуқ

компете́нци||я *ж* 1. кордони, қодир будан(и); **э́то вне его ~и** вай ба иҷрои ин кор қодир нест 2. ихтиёр, ҳуқуқ, салоҳдид; **~я суда** ҳуқуқи суд

компили́ровать *несов. кого-что* талфиф кардан; **~ статью** мақоларо талфиф карда навиштан

компиляти́вность *ж* талфифӣ будан(и)

компиляти́вный, -ая, -ое талфифӣ; **~ труд** *асари талфифӣ*

компиля́тор *м* талфифгар

компиля́ция *ж* талфифа (1. *асаре, ки аз руҷ асарҳои дигарон навишта шудааст ва худи нависандааш маъхазҳоро мустақилона наомухтааст* 2. *тартиб додани ҳамин гуна асарҳо)*

ко́мплекс *м* комплекс *(маҷмуи ҳодисаҳо, хосиятҳо ё чизҳо)*; **~ мероприя́тий** комплекси чорабиниҳо; **архитекту́рный ~** комплекси меъморӣ

ко́мплексн||ый, -ая, -ое комплексӣ, ...и комплекс; **~ая экспеди́ция** экспедицияи комплексӣ ◇ **~ая брига́да** бригадаи комплексӣ *(бригадае, ки коргаронаш аз мутахассисони гуногун иборатанд)*

компле́кт *м* комплект, даста, маҷмуъ; **~ журна́лов за про́шлый год** комплекти журналҳои соли гузашта

компле́ктность *ж* комплектиокӣ, комплект будан(и), даста (маҷмуъ) будан(и)

компле́ктный, -ая, -ое ...и комплект, комплекти, ...и даста, ...и маҷмуъ; **~ набо́р** дастаи пурра

комплектова́ние *с* (*по знач. гл.* **комплектова́ть**) комплект (пур) кардан(и); **~ школ** пур кардани мактабҳо, гирифтани талабагон ба мактабҳо

комплектова́ть *несов. что* 1. комплект (пур, таъмин) кардан; **~ библиоте́ку** китобхонаро [бо китоб] таъмин кардан 2. комплект (ҷамъ) кардан; **~ а́рмию** лашкарро ҷамъ кардан; **~ шко́лы** ба мактабҳо талаба қабул кардан

комплектова́ться *несов. страд.* комплект (пур, ҷамъ) карда шудан

компле́кция *ж* ҷусса, гавда, сурат

комплиме́нт *м* хушомад, таъриф, тавсиф; **говори́ть ~ы** таъриф (хушомадгуӣ) кардан

комплиме́нтщик *м прост.* хушомадгӯ

компози́тор *м* композитор, бастакор

компози́торск||ий, -ая, -ое композиторӣ, бастакорӣ, ...и композитор, ...и бастакор; **~ий тала́нт** истеъдоди композиторӣ; **~ая де́ятельность** фаъолияти бастакорӣ

композицио́нн||ый, -ая, -ое мураккаб, таркибӣ; **~ые материа́лы** масолеҳи таркибӣ

компози́ция *ж* композиция (1. *сохти асари бадей* 2. *асари мусиқӣ, тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ ва ғ.* 3. *асари таркибии бадей, масалан, асари адабию мусиқӣ* 4. *оҳангсозӣ, таълифи мусиқӣ)*

компоне́нт *м* қисмат

компонова́ние *с см.* **компоно́вка**

компонова́ть *несов. что* қисматбандӣ кардан; **~ нау́чную статью́** мақолаи илмиро қисматбандӣ кардан

компоно́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **компонова́ть**) қисматбандӣ кардан(и) 2. усули қисматбандӣ

компо́ст *м с.-х.* компост, пору *(ахлоти пӯсидаи порушуда)*

компо́стер *м* компостер *(олати махсуси анбурмонанд барои пахш кардани пломба, сӯрох кардани билетҳо ва ғ.)*

компости́ровать *несов. что* компостер кардан (задан), бо компостер ба чизе нишона гузоштан; **~ железнодоро́жный биле́т** билети роҳи оҳанро компостер кардан

компости́роваться *несов. страд.* компостер шудан

компо́стн||ый, -ая, -ое *с.-х.* компостӣ, ...и компост, ...и пору; **~ая я́ма** чуқурии компост, чоҳи пору

компо́т *м* 1. компот *(меваи бо қанд ҷушонида)*; **~ из урю́ка** зардолуоб, ғулунгоб 2. меваҳои хушк

компрадо́р *м* компрадор *(сармоядоре, ки воситачии сармояи хориҷӣ бо бозори маҳаллӣ мебошад)*

компрадо́рский, -ая, -ое компрадорӣ, ...и компрадор

компре́сс *м мед.* компресс, тарбандӣ; **ста́вить ~** компресс мондан; **согрева́ющий ~** компресси гармкунанда

компре́ссия *ж тех.* компрессия *(фушурдани ҳаво, газ ё омехтаи сузанда дар цилиндри муҳаррик)*

компре́ссн||ый, -ая, -ое компрессӣ, ...и компресс, ...и тарбандӣ; **~ая бума́га** коғази компрессӣ

компре́ссор *м* компрессор (1. *тех. мошин барои фишор додани ҳаво ё гази дигар* 2. *мед. олати махсус, ки ҳангоми операция раги буридашудаи хунро пучида нигоҳ медорад)*

компре́ссорн||ый, -ая, -ое компрессорӣ, ...и компрессор; **~ая устано́вка** компрессор

компромети́ровать *несов. кого-что* обру резондан, беобру (беэътибор, бадном) кардан, ба эътибори касе халал расондан; **~ себя́ в глаза́х кого́-л.** дар пеши касе обрӯи худро резондан

компромисс *м* созиш, гузашт; **идти на ~** созиш кардан, ба созиш даромадан

компромисс||ый, -ая, -ое созишкорона; **~ое предложение** таклифи созишкорона

компьютер *м* компьютер

комсомол *м* (коммунистический союз молодёжи) комсомол, иттифоқи коммунистии ҷавонон

комсомолец *м* комсомол, аъзои комсомол

комсомолка *ж* комсомолка, комсомолдухтар

комсомольск||ий, -ая, -ое комсомолӣ, ...и комсомол; **~ий билет** билети комсомолӣ; **~ая организация** ташкилоти комсомолӣ

комсорг *м* (комсомольский организатор) комсорг, сардори (ташкилотчии) комсомолӣ

комсостав *м* (командный состав) *воен.* комсостав, ҳайати командирҳо

кому *дат. от* **кто**

комфорт *м* ҳузуру ҳаловат; **квартира с ~ом** квартираи бо ҳузуру ҳаловат

комфортабельно *нареч.* бо ҳузуру ҳаловат, бароҳат

комфортабельность *ж* бо ҳузуру ҳаловат будан(и), бароҳатӣ; **~ квартиры** бо ҳузуру ҳаловат будани квартира

комфортабельн||ый, -ая, -ое (комфортабе|лен, -льна, -льно) бо ҳузуру ҳаловат, бароҳат; **~ая гостиница** меҳмонхонаи бароҳат

комфортный, -ая, -ое (комфорт|ен, -на, -но) *уст. см.* **комфортабельный**

кон *м* 1. *(место)* доира, давра, хонача, марра *(дар бозиҳои гуногун, монанди буҷулбозӣ ва ғ.)*; **попасть в ~** ба давра расидан // ҷои пули қимор; **поставить деньги на ~** пулро ба қимор мондан 2. *(партия игры)* пайт, навбат *(дар ягон бозӣ)* ◇ **поставить на ~** *что* таваккал кардан

конармия *ж* (конная армия) армияи савора

конвейер *м* конвейер *(тасмаи пайваста ҳаракаткунандаи резинӣ, металлӣ ва ғ.)* ◇ **зелёный ~** тарнигоҳдорӣ

конвейерн||ый, -ая, -ое *тех.* конвейерӣ, ...и конвейер, конвейердор; **~ая система** системаи конвейер

конвент *м ист.* конвент *(номи органи қонунбарор дар баъзе мамлакатҳо)* ◇ **Национальный ~** Конвенти миллӣ *(дар давраи революцияи буржуазии Франция)*

конвенциональный, -ая, -ое муқарраршуда

конвенционный, -ая, -ое *дип.* муқаррар гардида, ...и аҳдӣ; **~ тариф** тарифи аҳдӣ

конвенция *ж дип.* созишнома

конвергенция *ж* конвергенция (1. *биол. дар рафти таҳаввулот мушобеҳ шудани сохти организмҳое, ки бо ҳамдигар қаробат надоранд* 2. *спец. падидаҳои мушобеҳ ва ё якхелае, ки дар байни воқеаҳои аз ҳам дури мустақил пайдо шудаанд* 3. *лингв. монандшавии унсурҳои забонҳо* 4. *мед. пайвасти тири босира ҳангоми дидани ашьёи ба ҳам наздик)*

конверсионный, -ая, -ое *эк.* конверсионӣ, ...и конверсия; **~ заём** заёми конверсионӣ

конверсия *ж* 1. *эк.* иваз, бадал; **~ валюты** бадали пул 2. *биол.* тағйир; **~ гена** тағйири ген 3. *физ.* ихроҷ; **~ электрона** ихроҷи электрон 4. *лингв.* калимасозӣ бо роҳи дигар кардани парадигмаи калима

конверт *м* 1. конверт, пакет, лифофа; **положить письмо в ~** хатро ба конверт андохтан 2. *(для ребёнка)* ҷилди парпечи кудак

конвертер *м см.* **конвертор**

конвертировать *сов., несов. что эк.* бадал кардан; **~ заём** заёмро бадал кардан

конвертироваться *несов. страд.* бадал карда шудан

конвертн||ый, -ая, -ое конвертӣ, ...и конверт; **~ая бумага** коғази конвертӣ

конвертор *м тех.* конвертор *(кураи пӯлодгудозӣ)*

конвойр *м* 1. *воен.-мор.* посбон, қаровул 2. киштии (самолёти) посбон

конвойрование *с (по знач. гл.* **конвойровать)** посбонӣ (қаровулӣ) кардан(и)

конвойровать *несов. кого-что* посбонӣ карда гусел кардан; қаровулӣ карда бурдан; **~ пленных** асиронро қаровулӣ карда бурдан

конво||й *м* 1. дастаи посбонон, қаравулон 2. киштиҳои (самолётҳои) посбон ◇ **под ~ем** дар зери назорати қаровулон

конвойн||ый, -ая, -ое 1. посбонӣ, ...и посбон; **~ое судно** киштии посбон 2. *в знач. сущ.* **конвойный** *м см.* **конвойр** 1

конвульсивный, -ая, -ое *мед.* ...и рагкашӣ

конвульсия *ж мед.* рагкашӣ

конгениальность *ж* мувофиқат, баробарӣ, мутобиқат

конгениальный, -ая, -ое (конгениа|лен, -льна, -льно) мувофиқ, мутобиқ, муносиб

конгломерат *м* 1. ихтилот; **~ различных мнений** ихтилоти фикрҳои гуногун 2. *геол.* мухталит *(маъдани мураккаб)* 3. *эк.* ширкат

конгломератный, -ая, -ое *геол.* ...и мухталит

конгресс *м* 1. конгресс, анҷуман; **~ сторонников мира** конгресси тарафдорони сулҳ 2. *полит.* конгресс *(номи органи қонунбарорӣ дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва дар давлатҳои Америкаи Лотинӣ)*

конгрессмен *м* конгрессмен, аъзои конгресс

кондач||ок *м*: **с ~ка** *прост.* 1) *(легкомысленно)* саҳл гирифта, руякӣ, наандешида 2) *(бесцеремонно)* бетакаллуфона, густохона

конденсатор *м* конденсатор (1. *физ. олати конденсацияи электр* 2. *тех. олати конденсацияи буғ)*

конденсаторн||ый, -ая, -ое конденсаторӣ, ...и конденсатор; **~ое масло** равғани конденсатор

конденсационн||ый, -ая, -ое конденсационӣ, ...и конденсация; **~ая вода** оби конденсационӣ

конденсация *ж (по знач. гл.* **конденсировать)** конденсация, конденсация кардан(и); ғафс (ғализ, қуюқ) кардан(и); *(по знач. гл.* **конденсироваться)** конденсация шудан(и), ҷамъшавӣ, ғафс (ғализ, қуюқ) шудан(и); **~ энергии** ҷамъшавии қувваи электр; **~ паров** ба ҳолати моеъ гардонидани буғ

конденсировать *сов., несов. что* конденсация кардан, ҷамъ кардан, ғафс (ғализ, қуюқ) кардан; **~ пар** буғро конденсация кардан

конденсироваться 1. *сов., несов.* конденсация шудан, ҷамъ шудан, ғафс (ғализ, қуюқ) шудан 2. *несов. страд.* конденсация карда шудан

кондитер *м* шираворпаз, ҳалвогар, қаннод // *уст.* ширворфуруш

кондитерская *ж* дӯкони ширворфурушӣ, дӯкони ҳалвогарӣ, дукони қаннодӣ

кондитерск||ий, -ая, -ое ...и ширворпазӣ, ...и қаннодӣ; **~ие изделия** ширавор, молҳои қаннодӣ

кондиционер *м* кондиционер

кондиция *ж* 1. сифат, кайфият; **~ зерна** сифати ғалла 2. *уст.* шартҳои аҳднома, шарт 3. *мн.* **кондиции** *уст.* ҷои кори муваққатии муаллими хонагӣ

кондовый, -ая, -ое 1. *обл.* бечуққӣ, бечашм, беғурм; **~ лес** чубу тахтаи бечашм 2. *перен. уст.* аслӣ // *бран.* гузаро, ашаддӣ

кондрашка *м*: **~ хватил (стукнул, пришиб)** *кого прост.* сакта зад

кондуит *м ист.* дафтари аъмол *(дафтари махсуси қайди рафтори касе)*

кондуитный, -ая, -ое ...и дафтари аъмол; **~ список** дафтари аъмол

кондуктор *м* кондуктор; **~ автобуса** кондуктори автобус

кондукторск||ий, -ая, -ое кондукторӣ, ...и кондуктор; **~ая бригада** бригадаи кондукторон

коневод *м* асппарвар

коневодство *с* асппарварӣ

коневодческий, -ая, -ое ...и асппарварӣ; **~ совхоз** совхози асппарварӣ

конёк I *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **конь** 1; 2. *(на крыше)* кунгураи тораки боми дунишеба 3. *перен.* кори (шуғли) дӯстдоштаи (писандидаи) касе; **сесть на своего конька** бо кори дӯстдоштаи худ машғул шудан ◇ **~-горбунок** *фольк.* аспаки кузапушт; **морской ~** *зоол.* аспаки баҳрӣ *(хели моҳии аспсар)*

конёк II *м см.* **коньки**

конесовхоз *м* (коневодческий совхоз) совхози асппарварӣ (асп)

конефе́рма *ж* (коневóдческая фéрма) фермаи асппарварӣ (асп)

кон||éц *м* 1. охир, поён, интиҳо, итмом, тамом; **~éц доро́ги** охири роҳ; **в ~цé кни́ги** дар поёни китоб; **~éц собы́тий** интиҳои ҳодисаҳо 2. нӯг, сар; **~éц па́лки** нуги калтак 3. *разг.* роҳ, масофаи роҳи байни ду ҷой, тараф; **билéт в два ~цá** билети рафту омад 4. канор; **он живёт на ~цé го́рода** вай дар канори шаҳр истиқомат мекунад 5. *мор.* банди киштӣ *(арғамчин ё занҷире, ки бо он ду киштиро ба ҳамдигар ё ба бандар мебанданд)* 6. *разг.* марг, вафот, аҷал; **тут емý и ~éц пришёл** дар ҳамин ҷо рузаш буд шуд ◇ **без ~ца** беохир, охир надорад; **~ца нет** бепоён, беинтиҳо; **оди́н ~éц** *прост.* охираш як, оқибаташ як; **во все ~цы́** ба ҳар тараф (су); **в ~цé ~цóв** ниҳоят, дар охир, охири охирон; **в óба ~ца** рафтуомад, рафтану гаштан; **до ~цá** то охир; **из ~цá в ~éц** ба ҳар су; **на худóй ~éц** ҳеҷ набошад, ҳеҷ нашавад; **под ~éц** дар охир; **со всех ~цóв** аз ҳар ҷо, аз ҳар тараф; **пáлка о двух ~цáх** зарараш аз фоидааш кам не; **едвá (éле, кóе-как) сводúть ~цы́ с ~цáми** ба зур нуг ба нӯг расондан; **[и] ~цы́ в вóду** на пай ҳасту на Ҳайдар, беному нишон; **~-цá-крáю не видáть** охираш (поёнаш) нест, бепоён аст; **~цóв не найтú** чигил, бесару нуг; **подойтú к ~цу** ба итмом (ба охир) расидан, тамом шудан, соф шудан; **положúть ~éц чемý-либо** ба чизе хотима додан; **и дéло с ~цóм, и дéлу ~éц** вассалом, тамом, бо ҳамин тамом

конéчно *вводн. сл. и утв. частица* албатта, бешубҳа, худ аз худ маълум

конéчности *мн.* (*ед.* **конéчность** *ж*) *анат.* *(у человека)* дасту по; *(у животного)* по, панҷа; *(у птицы)* пой ва болу пар

конéчн||ый, -ая, -ое охирин, вопасин; **~ая останóвка** истгоҳи охирин ◇ **в ~ом счёте (итóге)** дар охири охирон, ниҳоят, оқибат

кóник *м прост.* аспча, аспи хурд, аспак

кони́на *ж* гушти асп

кони́ческ||ий, -ая, -ое махрутӣ, конусшакл, шакли конус доштагӣ; **~ая кóлба** колбаи конусшакл

кóнка *ж уст.* конка *(вагони аспӣ, ки бо роҳи оҳан мегашт)*

конквистадо́ры *мн.* (*ед.* **конквистадóр** *м*) *уст. см.* **конкистадóры**

конкистадóры *мн.* (*ед.* **конкистадóр** *м*) 1. конкистадорҳо *(истилогарони испаниягӣ ва португалии Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки аҳолии тагҷоиро бераҳмона ғорат ва ғулом мекарданд)* 2. *перен.* ғосибон, истилогарон

конклáв *м* конклав *(маҷлиси кардиналҳо барои интихоб кардани папаи Рим)*

конкордáт *м* конкордат *(шартномаи байни папаи Рим ва ягон давлати дигар)*

конкретизáция *ж* конкретизация, конкретӣ кардан(и), муайянтар (аниқтар) кардан(и)

конкретизи́роваться *несов. страд.* конкретизация карда шудан, муайянтар (аниқтар) карда шудан

конкрéтность *ж* конкретӣ, аниқӣ, муайянӣ, конкретӣ будан(и)

конкрéтн||ый, -ая, -ое (конкрéт|ен, -на, -но) конкрет, аниқ, муайян; **~ый примéр** мисоли конкретӣ; **~ые задáчи** вазифаҳои конкретӣ

конкубинáт *м* конкубинат *(1. ист. мувофиқи ҳуқуқи Рими Қадим бе никоҳ муддати дароз бо ҳам зистани марду зан 2. зану шавҳари беникоҳ, зану шавҳари ғайриқонунӣ)*

конкурéнт *м* рақиб; **опáсный ~** рақиби хатаровар

конкурéнтн||ый, -ая, -ое ...и рақобат; **~ая борьбá капитали́стов** рақобати капиталистҳо

конкурéнци||я *ж* рақобат; **вы́держáть ~ю** ба рақобат тоб овардан ◇ **вие ~и** бемисл, аз ҳама баланд, беҳамто

конкури́ровать *несов. с кем-чем* рақобат кардан

кóнкурс *м* конкурс *(мусобиқа дар соҳаи санъат, адабиёт, илм ва спорт бо мақсади ҷудо кардани касони аз ҳама пурҳунар ё асарҳои хубтарин)* ◇ **вне ~а** бемисл, аз ҳама баланд, беҳамто

кóнкурсный, -ая, -ое конкурсӣ, ...и конкурс, ...и мусобиқа; **~ экзáмен** имтиҳони конкурсӣ

кóнник *м* аскари савора

кóнница *ж* аскарони савора, кавалерия

конногвардéец *м* аскари савораи гвардия

кóнно-желéзн||ый, -ая, -ое: **~ая дорóга** *см.* **кóнка**

коннозавóдск||ий, -ая, -ое ...и асппарварӣ; **~ое хозя́йство** хоҷагии асппарварӣ

коннозавóдство *с* 1. асппарварӣ 2. заводи асппарварӣ (асп)

коннозавóдческий, -ая, -ое ...и асппарварӣ

коннозавóдчик *м уст.* соҳиби заводи асппарварӣ (асп)

кóнн||ый, -ая, -ое 1. аспӣ, ...и асп; **~ый двор** саисхона, аспхона; **~ая молоти́лка** мошини хирманкуби аспӣ 2. *воен.* аспакӣ, савора; **~ый отря́д** отряди савора; **~ая áрмия** армияи савора 3. саворагардӣ; **~ый путь** роҳи саворагардӣ 4. *в знач. сущ.* **кóнный** *м* савора ◇ **~ый завóд** заводи асппарварӣ (асп)

коновáл *м* 1. *обл.* табиби асп, байтори нохонда 2. *разг. пренебр.* табиби беҳунар (беморкуш)

коновóд I *м воен.* аспбон, посбони асп

коновóд II *м разг.* *(вожак)* саркор

коновóдить I *несов.* аспбонӣ кардан

коновóдить II *несов. прост.* саркорӣ кардан

кóновязь *ж* ғави аспбандӣ, яккамех

конокрáд *м* аспдузд

конокрáдство *с* аспдуздӣ

конопáтить *несов. что* роғбандӣ кардан *(мас. бо лос, пахта, латта)*

конопáтиться *несов. страд.* роғбандӣ шудан

конопáтка *ж* 1. *см.* **конопáчение;** 2. *(инструмент)* белча, тиққонак *(барои ба сӯрохҳо тиққондани чизе)* 3. *(материал)* тиққонч

конопáт||ый, -ая, -ое доғи кунҷидакдор; **~ое лицó** руи доғи кунҷидакдор

конопáчение *с* (*по знач. гл.* **конопáтить**) тиққондан(и)

конопáченный *прич.* (конопáчен, -а, -о) тиққондашуда

конопáчен||ый, -ая, -ое тиққончдор; **~ые стéны** деворҳои тиққончдор

коноплевóд *м* бангдонапарвар, канабпарвар

конопля́ *ж* бангдона, канаб

конопля́ник *м с.-х.* киштзори бангдона, бангдоназор

конопля́нка *ж зоол.* зарғилдоқ

конопля́н||ый, -ая, -ое ...и бангдона; **~ое мáсло** равғани бангдона; **~ая пенькá** лифи пояҳои бангдона

консервáнт *м* консервант *(моддае, ки барои консервация истифода мешавад)*

консервати́вность *ж* кӯҳнапарастона будан(и); **~ взгля́дов** кӯҳнапарастона будани ақидаҳо

консервати́вн||ый, -ая, -ое (консервати́в|ен, -на, -но) кӯҳнапарастона, ...и кӯҳнапарастӣ; **~ые взгля́ды** ақидаҳои кӯҳнапарастона

консервати́зм *м* кӯҳнапарастӣ

консервáтор *м* 1. кӯҳнапараст 2. *полит.* консерватор *(аъзои партияи сиёсии консервативӣ)*

консерватóрец *м разг.* студенти консерватория

консерватóрия *ж* консерватория *(мактаби олии мусиқӣ)*

консерватóрский, -ая, -ое консерваторӣ, ...и консерватор, ...и кӯҳнапараст

консерватóрск||ий, -ая, -ое консерваторияғӣ, ...и консерватория; **~ие концéрты** концертҳои консерватория

консервáция *ж* (*по знач. гл.* **консерви́ровать** 2, 3) аз пусидану вайрон шудан нигоҳ доштан(и); муваққатан хобондан(и); **~ предприя́тия** муваққатан хобондани корхона

консерви́рование *с* (*по знач. гл.* **консерви́ровать** 1) консерв кардан(и)

консерви́рованн||ый, -ая, -ое *прич.*, *прил.* консерв кардашуда; **~ые фрýкты** меваҷоти консерв кардашуда; **~ое мя́со** гушти консерв кардашуда

консерви́ровать *несов. что* 1. консерв кардан; **~ ры́бу** моҳиро консерв кардан 2. *(предохранять)* аз пусидану вайрон шудан нигоҳ доштан 3. *перен.* муваққатан хобондан, мавқуф гузоштан

консерви́роваться 1. *сов.*, *несов.* нигоҳ дошта шудан 2. *несов. страд.* консерв карда шудан; муваққатан хобонда шудан

консе́рвн||ый, -ая, -ое ...и консерв, консервӣ; **~ая банка** банкаи консерв

консе́рвы *мн.* консерв; **рыбные ~** консерви моҳи

конси́лиум *м мед.* консилиум, машварати духтурон *(барои муайян кардани касалии ягон кас ва тарзи муолиҷаи он)*; **созва́ть ~** консилиум гузарондан

консисте́нция *ж* дараҷаи ғилзат

ко́нск||ий, -ая, -ое **1.** аспӣ, ...и асп; **~ое мясо** гушти асп; **~ое поголо́вье** саршумори аспҳо **2.** *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои ботаники:* **~ий щаве́ль** отқулоқ, шилхаи роғӣ

консолида́ция *ж (по знач. гл.* **консолиди́ровать)** муттаҳид (мустаҳкам) кардан(и); *(по знач. гл.* **консолиди́роваться)** муттаҳид (мустаҳкам) шудан(и)

консолиди́ровать *сов., несов. что* **1.** муттаҳид (мустаҳкам) кардан; **~ все си́лы** ҳамаи қувваҳоро муттаҳид кардан **2.** *эк.* таваққуф кардан *(қарзи бамуҳлатро бе муҳлат кардан)* **3.** *юр.* мунтахаб кардан *(дар Англия қонунҳои кӯҳнаро интихобан гирифта нав кардан)*

консолиди́роваться **1.** *сов., несов.* муттаҳид (мустаҳкам) шудан **2.** *несов. страд.* таваққуф карда шудан; мунтахаб карда шудан

консо́ль *ж архит.* рафак

консоме́ *с нескл. кул.* шурбо *(шурбои серравған)*

консо́рциум *м эк.* консорциум *(иттиҳоди якчанд банк ва соҳибони банк барои ба ҷо овардани ягон нақша ё тадбири молиявӣ)*

конспе́кт *м* конспект, мухтасари мазмун; **~ кни́ги** конспекти китоб

конспекти́вность *ж* конспективӣ (мухтасар) будан(и); **~ изложе́ния** мухтасар будани баёнот

конспекти́вн||ый, -ая, -ое конспективӣ, ...и конспект, ба шакли конспект навишташуда, мухтасар; **~ое изложе́ние** баёноти мухтасар

конспекти́ровать *несов. что* конспект кардан (сохтан), мазмунро мухтасар карда навиштан; **~ кни́гу** мазмуни китобро мухтасар карда навиштан

конспирати́вность *ж* махфӣ (пинҳонӣ) будан(и)

конспирати́вн||ый, -ая, -ое махфӣ, пинҳонӣ; **~ая организа́ция** ташкилоти пинҳонӣ

конспира́тор *м* пинҳонкор

конспира́торск||ий, -ая, -ое ...и кори махфӣ, ...и пинҳонкорӣ; **~ие на́выки** малакаҳои пинҳонкорӣ

конспира́ция *ж* махфинигоҳдорӣ, пинҳонкунӣ

конспири́ровать *несов. кого-что* махфӣ нигоҳ доштан, пинҳон кардан

конста́нта *ж мат.* константа *(бузургии собит)*

конста́нтный, -ая, -ое *мат.* константӣ, бетағйир

констата́ция *ж (по знач. гл.* **констати́ровать)** муқаррар (муайян, қайд) кардан(и)

констати́ровать *сов., несов. что* муқаррар (муайян, қайд) кардан

констати́роваться **1.** *сов., несов.* муқаррар (муайян, қайд) шудан **2.** *несов. страд.* муқаррар карда шудан

консте́бль *м* констебль *(мансаби пасти полиция дар Англия ва ШМА)*

конституи́ровать *сов., несов. что* муайян (муқаррар) кардан

конституи́роваться *несов. страд.* муайян (муқаррар) карда шудан

конститути́вный, -ая, -ое ...и конституция, асосӣ, решагӣ

конституционали́зм *м полит.* конституционализм *(***1.** *тартиботи давлатдорӣ, ки ба конституция асос ёфтааст* **2.** *таълимоти буржуазӣ, ки конституцияро воситаи асосии ҳукуматдорӣ мешуморад)*

конституционали́ст *м полит.* тарафдори конституционализм

конституцио́нный, -ая, -ое конституционӣ, ...и конституция, машрута; **~ строй** сохти конституционӣ

конститу́ция I *ж полит.* конституция, қонуни асосӣ; **Конститу́ция СССР** Конституцияи СССР

конститу́ция II *ж (строение, структура)* қаду баст, сохт; **~ челове́ка** қаду басти одам

конструи́рование *с (по знач. гл.* **конструи́ровать)** тартиб додан(и), ташкил (таркиб, барпо) кардан(и)

конструи́ровать *сов., несов. что* тартиб додан, ташкил (таркиб, барпо) кардан, нақша кашидан; **~ маши́ну** нақшаи мошинро кашидан

конструи́роваться *несов. страд.* тартиб дода шудан, ташкил (барпо) карда шудан

конструктиви́зм *м* конструктивизм *(***1.** *услуби меъмориест дар асри 20, ки ҳатталимкон босамар будани сохти иморат ва намуди онро ба мадди аввал мегузорад* **2.** *яке аз равияҳои шаклпарастонаи адабиёт во санъати асри 20, ки тасвиру инъикоси техникаро дар асарҳои бадеӣ ба ифрот мерасонд)*

конструктиви́ст *м* конструктивист, пайрави конструктивизм

конструкти́вн||ый, -ая, -ое **1.** ...и сохт: **~ые недоста́тки зда́ния** камбудиҳои сохти бино **2.** асоснок, қобили қабул; **~ое предложе́ние** таклифи асоснок

констру́ктор *м* (**1.** конструктор, тарҳкаш *муаллифи ягон конструкция)* **2.** созанда *(як хел бозие, ки қуттиии пур аз қисмҳои биновӯ ашьёи бозичагӣ мебошад ва бачаҳо аз он ҳар хел чизҳо васл мекунанд)*

констру́кторск||ий, -ая, -ое конструкторӣ, ...и конструктор; **~ое бюро́** бюрои конструкторӣ; **~ие ку́рсы** курси конструкторҳо

констру́кция *ж* **1.** конструкция *(таркиб, тартиб, сохти бино, мошин ва ғ.)* **2.** *грам.* таркиб, ибора, калимабандӣ; **предло́жная ~** таркиби пешояндӣ **3.** *чаще мн.* **констру́кции** конструкция *(бино, сохтмон ё мошини муракқаб)*

ко́нсул *м* **1.** *дип.* консул *(вакили як давлат дар ягон шаҳри давлати дигар барои муносибитҳои дипломати. ҳимояи манфиатҳои давлати худ ва иҷрои тамоми корҳое, ки ба истикомати гражданҳо дар мамлакати хориҷӣ вобастаанд)*; **генера́льный ~** консули генералӣ *(консуле, ки дар шаҳрҳои калони хориҷа кор мебарад)* **2.** *ист.* консул *(номи шахсони олимартабаи ҳукуматӣ дар Рими Қадим ва Франция)*

ко́нсульск||ий, -ая, -ое консулӣ, ...и консул; **~ая до́лжность** мансаби консул

ко́нсульство *с (представительство)* консулӣ; *(здание)* консулхона, идораи консул

консульта́нт *м* мушовир

консультати́вный, -ая, -ое машваратӣ, маслиҳатӣ; **~ о́рган** органи машваратӣ

консультацио́нн||ый, -ая, -ое ...и маслиҳат, ...и машварат, маслиҳатӣ, машваратӣ; **~ое совеща́ние** маҷлиси машваратӣ

консульта́ци||я *ж* **1.** *(совещание специалистов)* консультация **2.** *(совет)* консультация, машварат, маслиҳат; **дава́ть ~ю** маслиҳат додан **3.** *(учреждение)* консультация, маслиҳатхона; **де́тская ~я** маслиҳатхонаи тиббӣ барои бачагон; **юриди́ческая ~я** маслиҳатхонаи адлия

консульти́ровать *несов.* **1.** *кого-что и без доп.* консультация (машварат, маслиҳат) додан **2.** *см.* **консульти́роваться**

консульти́роваться *несов. с кем-чем* маслиҳат пурсидан (гирифтан)

консье́рж *м* дарбон, фарроши кал... *(дар Франция)*

консье́ржка *женск. к* **консье́рж**

конта́кт *м* **1.** алоқа, муносибат, ҳамкорӣ, созиш; **быть в ~е с ке́м-л.** бо касе алоқа доштан; **войти́ в ~ с ке́м-л.** бо касе алоқа барпо кардан **2.** *тех.* васл **3.** *геол.* пайванд

конта́ктный, -ая, -ое *тех.* ...и васлӣ; **~ ток** чараёни васлӣ

контейне́р *м* контейнер *(восита ... зарфи махсуси молкашонӣ ба тарзи озод)*

контейнерн||ый, -ая, -ое контейнерӣ, ...и контейнер; **~ые маши́ны** мошинҳои контейнерӣ; **~ые перево́зки** боркашонии контейнерӣ

конте́кст *м* қарина, матн: **сло́во в ~е** калима дар матн; **вы́рвать из ~а** аз матн порчае ҷудо карда гирифтан

континге́нт *м* **1.** идда, миқдор, а... ҳайат, доира **2.** *эк.* саҳмия, қисм. ...

контине́нт *м* континент, хушкӣ, қитъаи хушкӣ

континента́льный, -ая, -ое континентӣ, ...и континент, континенталӣ, ...и хушкӣ; **~ кли́мат** иқлими хушк

конто́ра *ж* идора, контора; **~ заво́да** идораи завод

конто́рка *ж* конторка *(столи баланд...*

пешаи ниишеби идораҳо барои рост истода ё ба курсии баланд нишастан навиштан)

конторский, -ая, -ое ...и идора; ~ **служащий** хизматчии идора

конторщик *м уст.* коркуни идора (контора), дафтардор

контр: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «зид», «муқобил», «мухолиф»:* **контратака** контратака, ҳамлаи (ҳуҷуми) ҷавобӣ; **контрреволюция** контрреволюция, аксулинқилоб

контра I: **про и** ~ тарафдор ва зид

контра II *ж прост. презр.* контра, душмани революция

контра III *ж см.* **контры**

контрабанда *ж* 1. қочоқчигӣ 2. *собир.* моли қочоқ 3. *в знач. нареч.* **контрабандой** пинҳонӣ, махфиёна

контрабандист *м* қочоқчӣ

контрабандистка *женск. к* **контрабандист**

контрабандистский, -ая, -ое ...и қочоқчӣ

контрабандный, -ая, -ое ...и қочоқ; ~ **товар** моли қочоқ // *перен.* пинҳонӣ, махфиёна

контрабас *м муз.* контрабас *(асбоби калони скрипкамонанди мусиқии овозаш ғафс)*

контрабасист *м* контрабаснавоз

контрабасный, контрабасовый, -ая, -ое контрабасӣ, ...и контрабас

контрагент *м* аҳли шартнома

контр-адмирал *м мор.* контр-адмирал *(унвони командири флот, ки ба унвони генерал-майори қушунҳои хушкигард баробар аст)*

контр-адмиральск||ий, -ая, -ое контр-адмиралӣ, ...и контр-адмирал; ~**ое звание** унвони контр-адмиралӣ

контракт *м* шартнома, аҳднома, муоҳида; **заключить** ~ шартнома бастан

контрактант аҳли шартнома

контрактационный, -ая, -ое ...и шартномабандӣ

контрактация *ж* шартномабандӣ

контрактный, -ая, -ое ...и шартнома, дар шартнома зикр шудагӣ

контральто *нескл.* 1. *с (о голосе)* контральто *(овози ғафси занона)* 2. *ж разг. (о певице)* контральто *(мутрибии ин гуна овоздор)*

контральтовый, -ая, -ое *муз.* контральтӣ, ...и контральто

контрамарка *ж* контрамарка *(1. порчаи коғазе, ки дар театрҳо ҳангоми берун баромадани одамон ба ҷои билет дода мешавад 2. билети бепул)*

контрапункт *м муз.* контрапункт *(1. ҳунари ҷӯр кардани якчанд оҳанг 2. қисмати назарияи мусиқӣ, ки ҳамин гуна ҷӯршавии оҳангҳоро меомӯзад)*

контраст *м* тазод, зиддият, акс

контрастировать *несов. с кем-чем* тазод (мухолиф, баръакс) будан, мухолифат доштан

контрастный, -ая, -ое 1. зидди (акси, мухолифи) якдигар 2. *фото* возеҳ; ~ **снимок** акси возеҳ

контратака *ж* контратака, ҳамлаи (ҳуҷуми) ҷавобӣ

контратаковать *сов., несов. кого-что* бар ҳуҷуми душман ҷавоб додан; ~ **противника** ба душман ҷавобан ҳамла кардан

контрибуционный, -ая, -ое *воен., полит.* контрибуцияги, ...и контрибуция, ...и товони ҷанг

контрибуция *ж воен., полит.* контрибуция, товони ҷанг *(1. маблағе, ки аз давлати мағлубшуда ба сифати товони ҷанг гирифта мешавад 2. андози маҷбурие, ки вақти ҷанг душман аз аҳолии хоки забт кардашуда мегирад)*

контрманёвр *м воен.* манёври ҷавобӣ

контрнаступление *с воен.* ҳуҷуми ҷавобӣ

контроверза *ж книжн. (спор, разногласие)* мубоҳиса, зиддият, мухолифат

контролёр *м* контролёр, тафтишкунанда, назоратчӣ; **железнодорожный** ~ контролёри роҳи оҳан

контролёрский, -ая, -ое контролёрӣ, ...и контролёр, ...и назоратчӣ

контролирование *с (по знач. гл.* **контролировать**) тафтиш (назорат) кардан(и)

контролировать *несов. кого-что* тафтиш (назорат) кардан; ~ **чью-л. работу** ба кори ягон кас назорат кардан

контроллер *м* контроллер *(аппарати идора кардани муҳаррики электрикии трамвай, электровоз ва мошини боркаш)*

контрол||ь *м* 1. назорат, назораткунӣ; **взять под** ~**ь** зери назорат гирифтан 2. *(учреждение)* [идораи] назорат; **комитет народного** ~**я** комитети назорати халқӣ 3. *собир.* назоратчиён

контрольн||ый, -ая, -ое ...и назорат; ~**ая комиссия** комиссияи назорат; ~**ые весы** тарозуи муқоиса ✧ ~**ые цифры** рақамҳои контролӣ

контрпредложение *с* таклифи ҷавобӣ

контрразведка *ж воен.* контрразведка *(идорае, ки ба муқобили разведкаи хориҷӣ мубориза мебарад)*

контрразведчик *м* контрразведчик, мутахассиси контрразведка

контрреволюционер *м полит.* контрреволюционер, душмани революция, аксулинқилобчӣ

контрреволюционность *ж* контрреволюционӣ (аксулинқилобӣ) будан(и)

контрреволюционн||ый, -ая, -ое *полит.* контрреволюционӣ, аксулинқилобӣ, ...и контрреволюция, ...и аксулинқилоб

контрреволюция *ж полит.* контрреволюция, аксулинқилоб *(муборизаи реакционии синфҳои сарнагуншуда ё мурдаранда ба муқобили революция барои барқарор кардани тартиботи пешина)*

контрудар *м воен.* зарбаи ҷавобӣ, зарбаи зидди зарба

контрфорс *м архит.* контрфорс, тиргаки иморат, такьяи боқувватии девор

контр||ы *мн. (ед.* **контра** *ж)* низоъ, мунокиша, ҷанҷол, ҷанг; **быть в** ~**ах с кем-л.** бо касе ҷангӣ будан

контрэскарп *м воен.* контрэскарп *(1. қисми ба тарафи душман моили хандақ 2. хандақи оддитарини зиддитанкӣ)*

контуженный *прич.* (контужен, -а, -о) латхурда, зарбхурда, контузияшуда; **он контужен в голову** сараш лат хурдааст

контуженый, -ая, -ое латхурда, зарбхурда, контузияшуда

контузи||ть *сов. чаще безл. кого* лат хурондан, зарб хӯрондан, контузия кунондан; **его** ~**ло в голову** сари вай лат хурд

контузия *ж* контузия *(зарб ва лат хӯрдани тамоми бадан ё қисми он дар натиҷаи таркиши тири туп ё бомба)*; **лёгкая** ~ контузияи сабук

контур *м* 1. тарҳ, суроб, ангора; ~**ы старой башни видны были издалека** тарҳи манораи қадим аз дур намоён буд; **набросать** ~ тарҳи чизеро кашидан 2. *эл., радио* контур *(ҳалқаи сарбастаи ноқилҳо)*

контурн||ый, -ая, -ое ...и контур, ...и тарҳ, ангорӣ; ~**ая карта** харитан ангорӣ *(харитаи бематн)* ✧ ~**ая линия** хати бофосила

конура *ж* 1. хоначаи саг, сагхона 2. *перен. разг.* кулба, коза

конус *м мат.* махрут, конус

конусный, -ая, -ое ...и махрут, ...и конус

конусообразный, -ая, -ое махрутшакл, конусшакл, конусмонанд; ~ **купол** гунбази махрутшакл

конфедерат *м* конфедерат *(ташкилот ё давлате, ки ба ҳайати конфедерация дохил мешавад)*

конфедератка *ж* конфедератка *(кулоҳи мардонаи чоркунҷаи полякҳо)*

конфедерация *ж* конфедерация, иттиҳодия, иттифоқ; **Всеобщая** ~ **труда** Конфедерацияи Умумии Меҳнат

конфекцион *м* 1. пушок, либос 2. магазини пушок

конфекционн||ый, -ая, -ое ...и либос; ~**ые изделия** пушок, либос

конферанс *м* конферанс *(бурдани барномаи концерт ва матни худи барнома)*

конферансье *м нескл.* конферансье *(барандаи концерт)*

конференц-зал *м* маҷлисгоҳ, толори маҷлис

конференция *ж* конференция; **партийная** ~ конференцияи партиявӣ; **мирная** ~ конференцияи сулҳ

конферировать *несов. что и без доп.* вазифаи конферансьеро адо кардан; конферанс кардан

конфет||а *ж* конфет; **шоколадные** ~**ы** конфетҳои шоколадӣ

конфетка *ж* як дона конфет ✧ **как** ~ бисьёр зебо, қашанг, луъбат барин

конфетн||ый, -ая, -ое 1. ...и конфет; ~**ая обёртка** коғази конфет 2. *перен. разг.* аз ҳад зиёд ширин, ширини ғализ; ~**ая физиономия** башараи мулоимхунук

конфеттй *с нескл.* конфеттй *(пулакчаҳои рангин ва резаи коғазӣ, ки онҳоро дар базмҳо ва тӯйҳо ба ҳамдигар мепошанд)*

конфигура́ция *ж* 1. *(вид, очертание)* намо, шакл, тарх, сӯроб 2. *(взаимное расположение)* авзоъ, мақом, макон

конфиденциа́льный, -ая, -ое (конфиденциа|лен, -льна, -льно) махфӣ, пинҳонӣ; ~ **разгово́р** гуфтугуи пинҳонӣ, гапи махфӣ

конфирма́ция *ж* конфирмация *(1. дар мамлакатҳои буржуазӣ аз тарафи ҳокимияти олии давлатӣ тасдиқ шудани ҳукми суд 2. дар католикҳо ва протестантҳо маросими қабули ҷавонон ба калисо)*

конфиска́ция *ж* мусодира, забт, ярғу

конфискова́ть *сов., несов. кого-что* мусодира кардан; ~ **иму́щество у кого́-л.** молу мулки касеро мусодира кардан

конфискова́ться *несов. страд.* мусодира карда шудан

конфли́кт *м* ҷанҷол, низоъ, задухӯрд, ихтилоф; **вступи́ть в** ~ низоъ кардан; **вое́нный** ~ низоъи ҳарбӣ; **междунаро́дный** ~ низоъи байналхалқӣ

конфли́ктн||ый, -ая, -ое ҷанҷолӣ, низоӣ, ...и ихтилоф: **~ое де́ло** кори ҷанҷолӣ ◇ **~ая коми́ссия** комиссияи ҳалли ҷанҷолҳо

конфо́рка *ж* конфорка; чойникмонаки самовор

конфронта́ци||я *ж* тақобул, конфронтация; **глубо́кая ~я** тақобули амиқ; **вое́нно-полити́ческая ~я** тақобули ҳарбию сиёсӣ; **пери́од ~и госуда́рств** давраи тақобули давлатҳо

конфу́з *м разг.* шарм, хиҷолат; изокашӣ; вазъияти нобобу ногувор; **како́й ~!** аҷаб шармандагӣ!

конфу́зить *несов. кого-что разг.* шарм дорондан, шарманда кардан, хиҷолат додан

конфу́зиться *несов. разг.* шарм (ҳаё) кардан, шарм доштан, шарманда шудан, хиҷолат (изо) кашидан

конфу́зливость *ж разг.* шармандагӣ, хиҷолатмандӣ, изокашӣ

конфу́зливый, -ая, -ое (конфузлив, -а, -о) *разг.* шармгин, шарм мекардагӣ, боҳаё, изокаш

конфу́зно 1. *нареч.* шармгинона, хиҷолатмандона 2. *в знач. сказ. безл. кому* нобобу ногувор аст

концево́й, -ая, -ое охирин, дар охир будагӣ; ~ **стих** мисраи мақтаъ

концентра́т *м* концентрат *(1. хуроквории бо роҳи махсус хушк кардашуда 2. горн. маъдани тоза кардашуда 3. с.-х. еми ҳайвонот аз қабили ҷав, кунҷора ва ғ.)*

концентрацио́нный -ая, -ое: ~ **ла́герь** лагери концентрационӣ *(дар мамлакатҳои капиталистӣ ҳабсхонае, ки революционерон ва асирони ҳарбӣ нигоҳ дошта мешаванд)*

концентра́ция *ж* 1. *(по знач. гл.* **концентри́ровать)** ҷамъ (ғун, зич, якҷоя) кардан(и), тамаркуз; *(по знач. гл.* **концентри́роваться)** ҷамъ (ғун, зич, якҷоя) шудан(и); ~ **войск на грани́це** ғун кардани қушун дар сарҳад 2. *хим.* дараҷаи ғилзат; ~ **раство́ра со́ли** дараҷаи ғилзати намакоб

концентри́рование *с см.* **концентра́ция** 1

концентри́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тамаркуз додашуда 2. *прил.* ҷалбшуда 3. *прил.* ғализ, бой, серғизо; **~ые корма́** еми серғизо 4. *прил. хим.* ғализ; **~ая кислота́** кислотаи ғализ 5. *прил. горн.* тоза; **~ая руда́** маъдани тоза

концентри́ровать *несов.* 1. *кого-что* ҷамъ (ғун, зич, якҷоя) кардан; ~ **войска́** қушунро ғун кардан; ~ **внима́ние на чём-л.** диққатро ба чизе ҷалб кардан 2. *что хим.* ғафс (ғализ, қуюқ) кардан 3. *что горн.* тоза кардан *(маъданро)*

концентри́роваться *несов.* 1. ҷамъ (ғун, зич, якҷоя) шудан, тамаркуз дода шудан 2. *страд.* тоза карда шудан

концентри́ческ||ий, -ая, -ое *мат.* дорои маркази умумӣ, ҳаммарказ; **~ие круги́** доираҳои ҳаммарказ

концентри́чный, -ая, -ое (концентри́ч|ен, -на, -но) *см.* **концентри́ческий**

конце́пция *ж* концепция, фарз, тахмин, нуқтаи назар; **но́вая** ~ концепцияи (фарзи) нав // *лит.* ғоя, фикри асосӣ; ~ **рома́на** фикри асосии роман

конце́рн *м эк.* концерн *(иттиҳодияи якчанд муассисаҳои тиҷоратию саноатии капиталистӣ дар зери як роҳбарияти умумии молиявӣ)*

конце́рт *м* концерт; **дать** ~ концерт додан; ~ **для фортепья́но с орке́стром** концерт барои фортепьяно ва оркестр ◇ **коша́чий** ~ 1) мияв-мияви гурбаҳо 2) мағал, ғалоғула, доду фарьёд

концерта́нт *м* концертант *(артисти концерт медодагӣ)*

концерти́но *с нескл. муз.* концертино *(1. асари мусиқӣ 2. асбоби мусиқӣ)*

концерти́ровать *несов.* концерт додан, концерт мондан

концертме́йстер *м муз.* концертмейстер *(1. скрипканавози якум дар оркестр, ки мақомҳои якканавозиро иҷро мекунад 2. пианинонавозе, ки ба иҷрокунандагон дар сурудхонӣ ё сознавозӣ ёрӣ мерасонад 3. якканавози оркестри симфонӣ ё опера)*

концертме́йстерский, -ая, -ое ...и концертмейстер, концертмейстерӣ

конце́ртн||ый, -ая, -ое концертӣ, ...и концерт; **~ый зал** зали концерт; **~ое исполне́ние** иҷро; **~ый роя́ль** рояли концертӣ *(рояли калон)*

концессионе́р *м* соҳибимтиёз

концессионе́рский, -ая, -ое ...и соҳибимтиёз

концессио́нный, -ая, -ое ...и имтиёз; ~ **догово́р** аҳдномаи имтиёз

конце́ссия *ж* имтиёз *(1. аз тарафи ҳукумат ба одамони алоҳида дода шудани ҳуқуқи ташкили муассисаи саноатӣ 2. худи муассисае, ки бо ин роҳ ташкил ёфтааст)*

концла́герь *м* (концентрацио́нный ла́герь) лагери концентрационӣ

концо́вка *ж* 1. *полигр.* расми (нақши) ниҳоӣ 2. *разг.* охир, хотима; ~ **рома́на** хотимаи роман

конча́ть(ся) *несов. см.* **ко́нчить(ся)**

конча́я 1. *деепр.* тамом карда истода, тамомкунон 2. *предлог с тв.* то...; **начина́я с весны́ и ~ о́сенью** аз баҳор [сар карда] то тирамоҳ

ко́нченный (ко́нчен, -а, -о) 1. *прич.* тамом кардашуда, ба итмом расондашуда 2. *в знач. сказ. безл.* **ко́нчено** бас, бас аст, тамом; **ко́нчено! с за́втрашнего дня броса́ю кури́ть** тамом! аз пагоҳ сар карда папиросро мепартоям; **ме́жду на́ми всё ко́нчено** алоқаи мо тамоман канда шуд ◇ **всё ко́нчено** масъала ҳал; кор тамом; **и ко́нчено!** вассалом!, кор тамом!; **ко́нчен бал!** кор тамом!, вассалом!

ко́нченый, -ая, -ое *разг.* ҳалшуда, тамомшуда ◇ ~ **челове́к** одами тамом шудагӣ

ко́нчик *м* нуг, охир; ~ **карандаша́** нуги қалам; ~ **верёвки** нӯги ресмон ◇ **верте́ться на ~е языка** ба нӯги забон будан

кончи́на *ж высок.* вафот, мавт, фавт, марг; **безвре́менная** ~ марги бемаҳал

ко́нчить *сов. что, что чем, с чем и с неопр. в разн. знач.* тамом кардан, ба анҷом (ба итмом) расондан, анҷом (хотима) додан, хатм кардан, ба поён расондан; ~ **рабо́ту** корро тамом кардан; ~ **пить** нушиданро бас кардан; **он ко́нчил речь приве́тствием** у нутқи худро бо табрик ба поён расонид; ~ **строи́тельство** сохтмонро ба анҷом расондан; ~ **шко́лу** мактабро тамом кардан ◇ **он пло́хо ко́нчит** оқибат кораш ганда мешавад; ~ **жизнь** вафот кардан; **ко́нчил де́ло — гуля́й сме́ло** *посл.* ≈ корро тамом кун, ба муддао тамошо кун

ко́нч||иться *сов.* 1. тамом шудан, ба охир (ба итмом, ба поён, ба интиҳо) расидан, хотима ёфтан; **заня́тия ~атся в шесть часо́в ве́чера** машғулият соати шаши бегоҳӣ тамом мешавад; **чем всё э́то ~ится?** оқибати ин кор чӣ мешуда бошад?; **вода́ ~илась** об тамом шуд 2. *прост. (умереть)* тамом шудан, мурдан

конъекту́ра *ж* 1. *спец.* такрир *(бо тахмину фаросат муқаррар кардани маънои матне, ки нобуд шудааст)* 2. *уст.* тахмин, гумон

конъюнктиви́т *м мед.* конъюнктивит, илтиҳоби мултаҳима

конъюнкту́ра *ж* вазъ; **полити́ческая** ~ вазъи сиёсӣ; ~ **торго́вли** вазъи савдо

конъюнкту́рн||ый, -ая, -ое ...и вазъ: **~ые измене́ния** тағйири вазъи савдо: **~ые соображе́ния** бо тақозои вазъият

конъюнкту́рщик *м разг.* замонасоз

кон||ь *м* 1. асп; **боево́й ~ь** аспи ҷангӣ; **седла́ть ~я** аспро зин кардан; **верхо́м на ~е́** савораи асп; **по ~ям!** ба аспҳо савор шавед! 2. *шахм.* асп; **ход ~ём** 1) бо асп гаштан *(дар шоҳмотбозӣ)* 2) *перен.* найранг, ҳила;

3. *спорт.* асп (*хараки чармин, асбоби машқи гимнастики*) ◇ **не в ~я корм** хар чӣ донад лаззати қанди набот; **~ь [ещё] не валялся** ҳануз коре карда нашуда, ҳануз ҳеҷ кор нашудааст; **дарёному ~ю в зубы не смотрят** *посл.* ≈ аз дуст ҳар чӣ мерасад, некуст; **~ь [и] о четырёх ногах, да и [тот] спотыкается** *погов.* аспи нағз ҳам гоҳо пешпо мехурад; **куда ~ь с копытом, туда и рак с клешнёй** *посл.* ≈ аспро наъл зананд, қурбоққа ҳам пой бардоштааст; **старый ~ь борозды не испортит (не портит)** *посл.* ≈ пурдида — пурдон, нодида — нодон

коньки *мн.* (*ед.* **конёк** *м*) коньки (*асбоби яхмолакпарӣ*)

конькобежец *м* конкитоз

конькобежка *женск. к* **конькобежец**

конькобежн||ый, -ая, -ое ...и конькитозӣ; **~ые состязания** мусобиқаи конькитозӣ

коньяк *м* коньяк

коньячн||ый, -ая, -ое ...и коньяк; **~ое производство** истеҳсоли коньяк

конюх *м* саис, аспбон

конюшенн||ый, -ая, -ое 1. саисхонагӣ, ...и саисхона, ...и аспхона 2. *в знач. сущ.* **конюшенный** *м* саиси калон

конюшн||я *ж* 1. саисхона, ахтахона, зинхона, аспхона, тавила 2. *перен.* оғил, оғилхона (*хонаи ниҳоят ифлос ва бетартиб*) ◇ **авгиевы ~и** саисхонаҳои Авгий (*ҷой ба ҷои ниҳоят ифлос ва бетартиб*)

коняга *м, ж прост. ласк. к* **конь** 1

кооператив *м* кооператив (1. *ташкилоти кооператив* 2. *дикони кооператив*)

кооперативн||ый, -ая, -ое кооперативӣ, ...и кооператив; **~ая торговля** савдои кооперативӣ

кооператор *м* кооператор (*коркуни соҳаи кооперация, ходими кооперация*)

кооперация *ж* кооперация (1. *ҳамкорӣ дар истеҳсолот ва ғ.* 2. *ширкат*); **потребительская ~** кооперацияи матлубот; **промысловая ~** кооперацияи ҳунармандӣ

кооперирование *с* (*по знач. гл.* **кооперировать**) кооперация кардан(и), ба кооперация ҷалб кардан(и); (*по знач. гл.* **кооперироваться**) дар асосҳои кооперация муттаҳид шудан(и)

кооперировать *сов., несов. кого-что* кооперация кардан, дар асосҳои кооперация (муттаҳид) кардан

кооперироваться 1. *сов., несов.* дар асосҳои кооперация (муттаҳид) шудан 2. *несов. страд.* кооперация карда шудан

кооптация *ж* кооптация (*ҳайати худро мустақилона пур кардани ягон ташкилоти интихобшаванда бе даҳолати органе, ки ҳайати пештараи ин ташкилотро интихоб кардааст*)

кооптирование *с* (*по знач. гл.* **кооптировать**) кооптация кардан(и)

кооптировать *сов., несов. кого-что* кооптация (дохил) кардан

кооптироваться *несов. страд.* кооптация карда шудан

координатный, -ая, -ое *мат.* координатӣ, ...и координата

координаты *мн.* (*ед.* **координата** *ж*) *мат.* координатаҳо (*бузургиҳое, ки вазъияти нуқтаро дар фазо ё дар сатҳ муайян мекунанд*)

координационно-вычислительный, -ая, -ое ...и мутобиқату ҳисобкунӣ; **~ центр** маркази мутобиқату ҳисобкунӣ

координациони||ый, -ая, -ое координационӣ, ...и мутобиқат; **~ый план научных работ** нақшаи мутобиқатии тадқиқоти илмӣ; **~ая связь** алоқаи мутобиқат

координация *ж* 1. (*по знач. гл.* **координировать**) координация (мутобиқ) кардан(и) 2. мутобиқат; **~ движений** мутобиқати ҳаракат

координирование *с см.* **координация** 1

координировать *сов., несов. что* координация кардан, ба ҳамдигар мувофиқ (мутобиқ) кардан

координироваться 1. *сов., несов.* координация шудан, ба ҳамдигар мувофиқ (мутобиқ) шудан 2. *несов. страд.* координация карда шудан

копал *м* самғ

копалка *ж разг.* заминковак

копаловый, -ая, -ое ...и самғ, самғӣ

копание *с* (*по знач. гл.* **копать**) кофтан(и), кандан(и); **~ колодца** кофтани чоҳ, чоҳковӣ, чоҳканӣ

копать *несов. что* 1. кофтан, кандан, гардондан; **~ канаву** ҷуй кандан 2. каланд кардан; **~ землю** замин каланд кардан, замин гардондан 3. кофтан, кандан; **~ картофель** картошка кандан ◇ **~ могилу кому-л.** ба касе чоҳ кандан

копа||ться *несов.* 1. *в чём* кофтан, кофтуков кардан; **~ться в песке** хок-туда кофтан; хокбозӣ кардан; **~ться в огороде** пайколро каланд кардан 2. *в чём перен.:* **~ться в своих переживаниях** дили худро хурдан; **~ться в душе** азоби рӯҳи кашидан 3. *разг.* кашолкорӣ кардан, кашол додан; **ты не ~йся, а то опоздаем на поезд** кашолкорӣ накун, ки аз поезд мемонем 4. *страд.* кофта (канда) шудан ◇ **~ться в грязном белье** *кого, чьём* аз мағзи нохун чирк кофтан

копеечк||а *ж уменьш.-ласк. к* **копейка** ◇ **стать (влететь, вскочить, обойтись, влезть) в ~у** бисьёр қимат афтидан

копеечник *м прост.* зихна

копеечн||ый, -ая, -ое 1. яктина, ...и арзишаш як тин; **~ая конфета** конфети яктина 2. арзон; **~ая вещь** чизи арзон 3. *перен.* ...и зихнаи мурданӣ; **~ая душа** одами зихнаи мурданӣ

-копеечный, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «...и тин»:* **двухкопеечный** дутина

лето *с* тобистон ◇ **бабье** ~ гармои тирамоҳ; **зиму и** ~ [дар] тамоми сол, ҳамеша; **сколько лет, сколько зим!** ин қадар камнамо!

леток *м пчел.* сурохи қуттии занбури асал

летом *нареч.* [дар] тобистон, [дар] фасли тобистон; **ягоды поспевают** ~ буттамева дар тобистон мепазад; **готовь сани** ~, **а телегу — зимой** *погов.* ≈ тобистон — ру ба зимистон, зимистон — ру ба тобистон

летописание *с* солноманависӣ, таърихнависӣ, воқеанигорӣ

летописец *м ист.* солноманавис, таърихнавис, воқеанигор

летописный, -ая, -ое ...и солнома, ...и таърихӣ; ~ **свод** маҷмуаи солнома; ~ **рассказ** ҳикояи таърихӣ

летопись *ж* 1. *ист., лит.* солнома; ~ **войны** солномаи ҷанг 2. *перен.* воқеаномаи ҳарсола, дафтари ёддошт

летосчисление *с* солшуморӣ, сана; **григорианское** ~ тақвими Григорӣ

летошний, -яя, -ее *обл.* порсола, ...и порина

летун *м* 1. *разг.* парвозкунанда, парвозӣ, мепаридагӣ; 2. тезгард, чаққон; бодпо; **этот конь — настоящий** ~ ин асп бодпо (даванд) аст 3. *перен. неодобр.* парронхуҷа *(оид ба одаме, ки дар як ҷо кор карда наметавонад, зуд-зуд ҷои корашро иваз карда мегистад)*

летунья *женск. к* **летун** 1, 2

летучесть *ж хим.* паррон будан(и), паррандагӣ, қобилияти паридан; парронии модда

летуч||ий, -ая, -ее 1. паррранда, паррон, сабук; ~**ий дым** дуди сабук; ~**ая мышь** куршабпарак, муши паррон, хаффош 2. тезгард, зуд ҳаракаткунанда, сайёр; ~**ий отряд** отряди тезгард 3. *перен.* гузаранда, даргузар, тезгузар 4. *хим.* паррон, бухоршаванда; ~**ие эфирные масла** равганҳои бухоршавандаи эфирӣ 5. *перен.* ногаҳонӣ, кутоҳ; ~**ее собрание** *см.* **летучка** 2; ◇ ~**ий ревматизм** *мед.* ревматизми (тарбоди) даргузар

летучка *ж* 1. *(листок)* варақаи таъҷилӣ, ахборнома 2. *разг.* маҷлиси кутоҳ (мухтасар) 3. *бот.* тухми бодбар *(тухми баъзе растаниҳо, ки ба воситаи шамол паҳн мешавад)* 4. *разг.* сайёр; **ремонтная** ~ устохонаи сайёри таъмир

лётчик *м* лётчик; ~**-наблюдатель** лётчики дидбон; ~**-испытатель** лётчики озмоянда; ~**-истребитель** лётчики қиркунанда ◇ ~**-космонавт** лётчики кайҳоннавард

лётчица *женск. к* **лётчик**

летяга *ж зоол.* санҷоби паррон

лечащий, -ая, -ее табобаткунанда, муолиҷакунанда, давокунанда; **его** ~ **врач** духтури табобаткунандаи вай

лечебник *м уст.* китоби тиб, шифонома

лечебница *ж* табобатхона, муолиҷахона

лечебн||ый, -ая, -ое табобатӣ, муолиҷавӣ, ...и муолиҷа, ...и табобат; ~**ое бельё** зерлибоси табобатӣ; ~**ая физкультура** варзиши муолиҷавӣ

лечение *с (по знач. гл.* **лечить)** табобат, муолиҷа; *(по знач. гл.* **лечиться)** худро муолиҷа кардан(и); **амбулаторное** ~ табобати амбулаторӣ

лечить *несов. кого-что* табобат (муолиҷа, даво) кардан; ~ **больного** беморро табобат кардан; ~ **раны** ҷароҳатҳоро даво кардан

лечиться *несов.* 1. худро муолиҷа кардан (кунондан) 2. *страд.* табобат (муолиҷа) карда шудан

лечь *сов.* 1. ёзидан, дароз кашидан, хобидан; ~ **в кровать** ба кат дароз кашидан; ~ **на бок** ба паҳлу хобидан; ёнбош кашидан; ~ **на спину** пуштнокӣ хобидан; ~ **ничком** руйнокӣ хобидан 2. *разг.* хоб кардан, хобидан; **дети ещё не легли** бачаҳо ҳануз нахобидаанд 3. пушидан, пушондан, фаро гирифтан, афтодан; **снег лёг на землю** барф заминро пушонд; **на лицо легла тень** ба руй соя афтод 4. *на кого-что перен.* ба ташвиш афтодан; **на душу легла забота** дил ба ташвиш афтод; ~ **тяжестью** бори гарон шудан; **ответственность ляжет на вас** масъулият ба гардани шумо меафтад ◇ ~ **костьми** дар ҷанг ҳалок шудан, сар бохтан; ~ **в основу** асос шудан; ~ **на поле битвы** дар майдони ҷанг шаҳид шудан; ~ **под нож** *прост.* барои ҷарроҳӣ хобидан

лешак *м обл. см.* **леший**

леш||ий *м фольк.* ғули ҷангал ◇ **какого** ~**его надо (пришёл)?** *прост. бран.* боз чӣ ҷин зад?, боз чӣ бало?; **за каким** ~**им?** *прост.* боз чӣ бало?

лещ *м зоол.* симмоҳӣ

лещина *ж см.* **орешник**

лже- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ботил», «бардуруғ», «сохта», «қалбакӣ»:* **лжесвидетель** гувоҳи (шоҳиди) дуруғгуй; **лжепророк** пайғамбартарош

лженаука *ж* илми ботил

лженаучный, -ая, -ое ...и илми ботил

лжеприсяга *ж* қасами бардуруғ

лжепророк *м* пайғамбартарош

лжесвидетель *м* гувоҳи (шоҳиди) дуруғгуй

лжесвидетельство *с* гувоҳии (шаҳодати) бардуруғ

лжесвидетельствовать *несов.* гувоҳии (шаҳодати) дурӯғ додан

лжеучение *с* таълимоти бардуруғ

лжец *м* дуруғгӯй, каззоб

лживость *ж* дуруғӣ, дуруғ будан(и)

лжив||ый, -ая, -ое (лжив, -а, -о) 1. дуруғгӯй, каззоб; риёкорона, мунофиқона; **~ый человек** одами дуруғгӯй; **~ые глаза** чашмони мунофиқона 2. сохта, дурӯғ, бардурӯғ; **~ые слова** гапҳои дуруғ

ли (ль) 1. *частица вопр.* оё, -мӣ, магар, наход; **он здоров ли?** оё у сиҳат аст? 2. *частица в сочет. с некоторыми словами выражает сомнение:* **едва ли** ба гумон аст; **вряд ли** маҳол; **чуть ли не** гуё, қариб 3. *союз усл. и разд.* агар, ...-мӣ ...мӣ, ё, ё ки; **станет ли писать, прольёт чернила** агар навиштанӣ шавад, сиёҳиро мерезонад; **не знаю, соберусь ли я к вам** намедонам, пеши шумо омада метавонам ё не; **он спросил, не ушиблась ли я** лат нахӯрдед-мӣ, пурсид у аз ман; **жив ли, нет — не знаю** зинда-мӣ, не-мӣ, намедонам; **то ли будет, то ли нет, не знаю** мешуда бошад ё не, намедонам ◇ **то ли дело** аммо, кори дигар.

лиана *ж бот.* изғичи печон, чуброст

лианов||ый, -ая, -ое ...и изғичи печон, ...и чуброст; **~ые леса** ҷангалҳои чуброст

либерал *м* 1. *полит.* либерал, тарафдори либерализм 2. *(член либеральной партии)* либерал *(аъзои партияи либералӣ)* 3. *уст.* озодфикр 4. *разг. неодобр.* либерал, бепарво, мусоҳилакор

либерализм *м* 1. *полит.* либерализм *(равияи идеологияи сиёсии буржуазӣ)* 2. *уст.* озодфикрӣ 3. *разг. неодобр.* либерализм, бепарвоӣ, мусоҳилакорӣ

либеральничанье *с разг. (по знач. гл.* **либеральничать)** мусоҳилакорӣ кардан(и)

либеральничать *несов. разг. неодобр.* бепарвоӣ (мусоҳилакорӣ) кардан

либерально *нареч. разг. неодобр.* бепарвоёна, мусоҳилакорона

либерально-буржуазн||ый, -ая, -ое либералии буржуазӣ; **~ая партия** партияи либералии буржуазӣ

либеральность *ж неодобр.* бепарвоӣ, мусоҳилакорӣ

либеральн||ый, -ая, -ое (либера|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* либералӣ, ...и либерал; ...и либерализм; **~ая буржуазия** буржуазияи либералӣ 2. *разг. неодобр.* бепарво(ёна), мусоҳилакор(она); **~ый подход к чему-л.** муносибати бепарвоёна ба чизе

либерти *с нескл.* либерти *(матои ҷилодори абрешимин)*; **сатин-~** сатин-либерти

либо *союз разд.* ё, ё ки, ё ин ки; **~ сегодня, ~ завтра** имруз ё пагоҳ // **~ ... ~... ё... ё...; ~ ты, ~ я** ё ман, ё ту

-либо *частица* ягон; **кто-~** ягон кас; **куда-~** ба ягон ҷо

либреттист *м* либреттонавис

либретто *с нескл.* либретто (1. *матни асари калони мусиқӣ, бештар опера ё оперетта* 2. *мазмун ё плани сценарий барои балет ё кинофильм)*

ливанец *м* лубнонӣ

ливанка *ж* лубнонизан, лубнонидухтар, зани (духтари) лубнонӣ

ливанский, -ая, -ое ...и лубнон, лубнонӣ; **~ кедр** сидраи лубнонӣ

ливанцы *мн.* лубнониҳо

ливень *м* 1. борони сел, борони сахт 2. *перен.* бисьёр, бешумор, борон; **~ пуль** борони тир

ливер I *м кул.* каллапоча

ливер II *м (трубка)* обдузак *(найчаи миёнаш васеъ барои кашидани чизҳои обакӣ)*

ливерн||ый, -ая, -ое ...и каллапоча; **~ая колбаса** ҳасиб, лакона

ливмя *нареч. разг.:* **~ лить** *(о дожде, слезах)* селвор (сел барин) рехтан

ливневый, -ая, -ое ...и сел; **~ дождь** борони сел

ливр *м* ливр (1. *пули нуқраи қадими франсавӣ, ки баъдҳо бо франк иваз шудааст* 2. *воҳиди вазни франсавӣ, ки тақрибан ба 0,5 кг баробар аст)*

ливрейный, -ая, -ое 1. ... и хизматҷома 2. хизматҷомапуш; **~ лакей** хизматгори хизматҷомапуш

ливрея *ж* хизматҷома *(либоси махсуси калобатунии дарбонҳо, навкарҳо, фойтунчиҳо ва саисҳо)*

лига I *ж* лига, иттифок; **Лига Наций** *ист.* Лиғаи Миллатҳо; **высшая ~** *спорт.* лигаи олӣ; **Лига арабских государств** Лигаи давлатҳои араб; **Международная лига хоккея на льду** Лигаи Байналхалқии хоккейи руи ях

лига II *ж муз.* лига *(аломати камоншакли болои нота, ки пайвастагии нотаҳоро мефаҳмонад)*

лигатура *ж* лигатура (1. *хим. омехтаи мис ё қалъагӣ дар тилло, нуқра ё платина барои сахттар кардани таркиби онҳо* 2. *лингв. ба як аломат ифода кардани ду ё зиёда аз ду ҳарф* 3. *мед. ресмони абрешимини рагбандӣ дар вақти ҷарроҳӣ)*

лигатурн||ый, -ая, -ое *хим., мед.* лигатурӣ, ...и лигатура; **~ое золото** тиллои лигатурӣ; **~ый шёлк** абрешими лигатурӣ

лигнин *м* лигнин *(пайвасти органикии полимер, ки дар таркиби қишри ҳуҷайраҳои растанӣ вуҷуд дорад)*

лигнинов||ый, -ая, -ое *хим., мед.* лигнинӣ, ...и лигнин; **~ая кислота** кислотаи лигнин

лигнит *м геол.* лигнит *(ангиштсанги бӯрранги пастсифат)*

лигнитн||ый, лигнитов||ый, -ая, -ое *геол.* лигнитӣ, ...и лигнит; **~ые бурые угли** ангишти лигнитии бурранг

лигроин *м* лигроин *(маҳсули тасфияи нафт)*

лигроинов||ый, -ая, -ое лигроини, ...и лигроин; лигроиндор; **~ые растворители** ҳалкунандаҳои лигроиндор

лидер *м* 1. сарвар, роҳбар 2. *спорт.* пешсафи мусобиқа 3. *уст. мор.* крейсери хурди роҳнамо

лидерский, -ая, -ое ...и сарвар; пешсаф

лидерство *с* 1. сарварӣ 2. *спорт.* пешсафӣ

лидирование *с (по знач. гл.* **лидировать)** лидер (пешсаф) будан(и)

лидировать *сов., несов. спорт.* пешсаф будан; **~ в шахматном турнире** пешсафи мусобиқаи шоҳмот будан

лизание *с (по знач. гл.* **лизать, лизаться)** лесиш, лесидан(и); бусобус кардан(и)

лизать *несов.* 1. *кого-что* лесидан; **медведь лижет лапу** хирс панҷаашро мелесад; **котёнок лижет молоко на полу** гурбача ширро аз руи пол мелесад 2. *перен.* бархурдан; **волны лижут берег** мавҷҳо ба соҳили баҳр бармехуранд 3. *кого-что разг. пренебр.* хушомад кардан ◇ **~ пятки** *кому, у кого* хушомадгуӣ (чоплусӣ) кардан

лизаться *несов.* 1. лесидан 2. *прост. неодобр.* хушомад задан

лизис *м мед.* позила *(тадриҷан паст шудани ҳарорати бемор)*

лизнуть *сов. однокр. к* **лизать**

лизоблюд *м разг. презр.* косалес

лизоблюдство *с разг. презр.* косалесӣ

лизун *м разг.* 1. лесанда 2. *пренебр.* бусадӯст 3. *пренебр.* чоплус

лизунья *женск. к* **лизун**

лик I *м уст. поэт.* 1. чеҳра, талъат 2. *перен* намуд, рух; **~ земли** намуди замин; **лунный ~** рухи моҳ

лик II *м рел.* силк; **причислить к ~у святых** ба силки қудсиён даровардан

лик III *м уст.* 1. суру сурур; суруди мутантан 2. дастаи хор (суруд) дар калисо

ликбез *м* (ликвидация безграмотности) маҳви бесаводӣ

ликвидатор *м полит.* ликвидатор, тарафдори ликвидаторчигӣ

ликвидаторский, -ая, -ое *полит.* ликвидаторӣ, ...и ликвидатор, ...и ликвидаторчигӣ

ликвидаторство *с* ликвидаторчигӣ *(равияи оппортунистӣ дар РСДРП, қаноти чапи меньшевизм, ки соли 1907 таъсис шуда, барои барҳам додани партияи ғайрилегалии революционии пролетариат мубориза мебурд)*

ликвидационн||ый, -ая, -ое ...и барҳамдиҳӣ; **~ая комиссия** комиссияи барҳамдиҳӣ

ликвидация *ж* барҳамдиҳӣ, барҳам додан(и), нест (маҳв) кардан(и); **~ треста** барҳам додани трест; **~ неграмотности** маҳви бесаводӣ

ликвидировать *сов., несов. кого-что* барҳам додан, бастан, нест (маҳв) кардан, кандан; **~ отдел** шӯъбаро бастан; **~ задолженность** қарзро кандан

ликвидироваться 1. *сов., несов.* барҳам хӯрдан, нест (маҳв) шудан 2. *несов. страд.* барҳам дода шудан, нест (маҳв) карда шудан

ликвидность *ж эк.* бозоргирӣ, бозоргир будан(и)

ликвидн||ый, -ая, -ое *эк.* бозоргир, серхаридор; мерафтагӣ; **~ые средства** маблаги молҳои бозоргир

ликёр *м* ликёр (*машруботи ширин*)

ликёрн||ый, -ая, -ое ликёрӣ, ...и ликёр; **~ый завод** заводи ликёр; **~ые конфеты** конфети ликёрдор

ликование *с* (*по знач. гл.* **ликовать**) хурсандӣ, шодии пурҷӯшу хуруш, ҷашну шодӣ

ликовать *несов.* хурсандӣ (шодмонӣ) кардан

лилейн||ый, -ая, -ое **1.** *уст. поэт.* нозук, латиф, сафед; **~ая рука** дасти нозук (сафед) **2.** *в знач. сущ.* **лилейные** *мн. бот.* савсаниҳо (*савсан, сунбул, лола ва ғ.*)

лилея *ж уст. поэт.* савсан, занбақ

лилипут *м* **1.** лилипут, пакана **2.** *перен.* майдаяк, хурдакак; **книжка-~** китоби майдаяк

лилипутка *женск. к* **лилипут**

лилипутский, -ая, -ое лилипутӣ, ...и лилипут, ...и пакана

лилия *ж* савсан, занбақ; **водяная ~** савсани обӣ, нилуфар

лиловеть *несов.* **1.** (*становиться лиловым*) бунафшаранг шудан, нофармон шудан **2.** (*виднеться — о лиловом*) нофармон тофтан

лилово-синий, -яя, -ее бунафши кабудтоб

лиловый, -ая, -ое бунафш, бунафшаранг, нофармон

лиман *м* лиман (*халиҷ дар резишгоҳи дарьё*)

лиманный, -ая, -ое ...и лиман; **~ берег** соҳили (канори) лиман

лимб *м* **1.** *тех.* канора (*зеҳи зовиясанҷ, ки аломатҳои дараҷот дорад*) **2.** *астр.* ҳола, ҳошияи намоёни ҷирми осмонӣ

лимит *м* меъёр, доира, миқдор, ҳад; **превысить ~** аз меъёр баромадан

лимитация *ж* муқаррар кардани ҳад

лимитирование *с* (*по знач. гл.* **лимитировать**) ҳад мондан(и)

лимитировать *сов., несов. что* ҳад муқаррар кардан; **~ вывоз товаров** ҳадди содироти молро муайян кардан; **~ расход энергии** сарфи энергияро маҳдуд кардан

лимитироваться *несов. страд.* маҳдуд карда шудан

лимнолог *м* лимнолог, кӯлшинос

лимнологическ||ий, -ая, -ое лимнологӣ, ...и лимнология, ...и кӯлшиносӣ; **~ие исследования** тадқиқоти лимнологӣ

лимнология *ж* лимнология, кӯлшиносӣ

лимон *м* (*дерево*) дарахти лиму; (*плод*) лиму, лимон ◇ **выжатый ~** *ирон.* одами беҳолшуда

лимонад *м* лимонад

лимонадный, -ая, -ое ...и лимонад; **~ завод** заводи лимонад

лимонка *ж* **1.** ноки дилафруз **2.** *прост.* лимонка (*гранатаи лимушакл*)

лимонник *м бот.* лимукаҳак (*буттаи печон, ки меваҳои сурхи лимутаъми туршмаза дорад ва дар тиб истифода мешавад*)

лимонница *ж зоол.* лимушапалак

лимоннокислый, -ая, -ое ...и чавҳари лимудор

лимонн||ый, -ая, -ое **1.** лимугӣ, ...и лиму; **~ая корка** пусти лиму **2.** (*о цвете*) лимуранг **~ая кислота** чавҳари лиму

лимоновый, -ая, -ое лимугӣ, ...и лиму

лимузин *м уст.* лимузин (*автомобили сабукрави болопӯшида*)

лимфа *ж физиол.* лимфа, балғам

лимфатическ||ий, -ая, -ое **1.** *физиол.* савдоӣ, ...и савдо; **~ие железы** ғадудҳои савдо **2.** *уст.* заиф, суст, ланҷ; **~ая натура** савдозада

лингвист *м* лингвист, забоншинос

лингвистика *ж* лингвистика, илми забоншиносӣ

лингвистическ||ий, -ая, -ое лингвистӣ, ...и забоншиносӣ; забонӣ, ...и забон; **~ое исследование** тадқиқоти забоншиносӣ

линейк||а I *ж* **1.** хат, раҳ (*хати рости рӯи коғаз*); **тетрадь в ~у** дафтари раҳ-раҳ; **писать по ~ам** аз болои раҳ навиштан **2.** хаткашак, ҷадвал, мистар; **счётная ~а** ҷадвали ченкунӣ ва ҳисоббарорӣ **3.** *воен.* линейка (*яке аз роҳҳои даруни лагерь, ки онро ба қитъаҳо тақсим мекунанд*) **4.** линейка; **выстроиться в ~у** дар линейка саф кашидан

линейка II *ж уст.* (*экипаж*) фойтуни бисьёрҷоя

линейн||ый, -ая, -ое **1.** ...и хат, ...и раҳ; раҳ-раҳ, раҳдор; **~ый орнамент** нақшу нигори раҳ-раҳ **2.** *мат.* хаттӣ; **~ые размеры тела** андозаҳои хаттии ҷисм; **~ая функция** функцияи хаттӣ **3.** *уст.* сарҳаддӣ, ҳудудӣ; **~ые селения** деҳаҳои сарҳаддӣ **4.** *воен.* асосӣ, мунтазам; **~ый крейсер** крейсери асосӣ; **~ый корабль** линкор (*киштии ҳарбии калон*); **~ое войско** *уст.* қӯшуни пиёдаи мунтазам **5.** *в знач. сущ.* **линейный** *м* линейный (*хизматчии Армияи Советӣ, ки дар парад ва намоишҳои азназаргузаронӣ барои риояи тартиби сафбандӣ ҷудо карда мешавад*) **6.** ...и роҳ, ...и роҳи алоқа; **~ый контролёр** назоратчии роҳ ◇ **~ые меры** андозаҳои дарозӣ (хаттӣ); **~ая скорость** *физ.* суръати хаттӣ

линейчат||ый, -ая, -ое раҳ-раҳ, хатдор; **~ые спектры** *физ.* спектрҳои раҳ-раҳ; **~ый лист** *бот.* барги раҳ-раҳ

линёк I *м уст.* танобдарра (*таноби кутоҳу ғафси қиролуд, ки дар замони пеш матросҳоро бо он мезаданд*)

линёк II *м уменьш.-ласк. к* **линь** II

линза *ж физ.* линза (*шишаи мудаввари оптикии адасшакл, мас. дар дурбин, заррабин ва ғ.*)

линзовый, -ая, -ое *физ.* ...и линза, линзагӣ

лини||я *ж* **1.** хат, раҳ; **прямая ~я** хати рост; **кривая ~я** хати каҷ; **контурная ~я** хати бофосила; **ломаная ~я** *мат.* хати шикаста; **параллельные ~и** хатҳои параллелӣ (мувозӣ); **провести ~ю** хат кашидан; **~я горизонта** хатти уфуқ; **~я полёта снаряда** хати парвози тири туп **2.** қатор, саф, раста; **~я гор** қатори кӯҳо; **торговые ~и** растаҳои савдо; **~я войск** сафи қушун; **передовая ~я фронта** хати пеши фронт; **~я укреплений** хати истеҳкомот; **~я обороны** хати мудофиа **3.** роҳ; **трамвайная ~я** роҳи трамвай; **~я железной дороги** хати роҳи оҳан **4.** тараф; **родство по мужской ~и** хешии падарӣ; **восходящая ~я родства** авлод, шаҷара **5.** *перен.* тарз, роҳ; **генеральная ~я партии** роҳи генералии партия; **~я поведения** тарзи рафтор; **по ~и** *чего, какой* дар соҳаи, бо роҳи; **выговор по административной ~и** танбеҳи маъмурӣ **6.** *уст.* линия (*воҳиди дарозӣ дар Руси Қадим ки аввалҳо ба* $^{1}/_{12}$ *ва сонитар ба* $^{1}/_{10}$ *дюйм баробар буд*) ◇ **демаркационная ~я** хати демаркационӣ, сарҳадди муваққатӣ; **поточная ~я** конвейер; **гнуть (вести) свою ~ю** *прост.* гапи худро гузарондани шудан; **идти по ~и** *чего* аз руи ... амалӣ шудан; **идти по ~и наименьшего сопротивления** роҳи осонтар ҷустан, аз душворӣ гурехтан

линкор *м* (линейный корабль) *воен.* линкор (*киштии калони ҳарбӣ*)

линовальный, -ая, -ое ...и хаткашӣ, ...и раҳбарорӣ

линование *с* (*по знач. гл.* **линовать**) хаткашӣ, раҳбарорӣ

линованн||ый, -ая, -ое раҳ-раҳ, раҳ-раҳ, хатдор, раҳдор; **~ая бумага** коғази раҳ-раҳ

линовать *несов. что* хат кашидан, раҳ баровардан, раҳ-раҳ кардан

линоваться *несов. страд.* хат кашида шудан, раҳ-раҳ карда шудан

линовка *ж* **1.** *см.* **линование; 2.** раҳ-раҳ; **косая ~** раҳ-раҳи уреб (каҷ)

линолеум *м* линолеум; **пол покрыт ~ом** фарш бо линолеум пӯшида шудааст

линотип *м полигр.* линотип (*мошини ҳарфчинӣ*)

линотипист *м полигр.* линотипчӣ, коргари линотип

линотипный, -ая, -ое *полигр.* линотипӣ, ...и линотип; **~ набор** ҳуруфчинии линотипӣ

линчевание *с* (*по знач. гл.* **линчевать**) суди Линч кардан(и), ҷазои ваҳшиёна додан(и)

Линч *м* (*Л прописное*): суд **~а** суди Линч; *см.* **линчевать**

линчевать *сов., несов. кого* суди Линч кардан (*худсарона ҷазо додани зангиён ва арбобони революция аз тарафи буржуазияи реакционӣ дар Америка*)

линь I *м мор.* арғамчин (*як навъи арғамчини боқувват, ки дар киштиҳо ба кор бурда мешавад*)

линь II *м зоол.* зағорамоҳӣ

линька *ж* (*по знач. гл.* **линять** 2) тулаккунӣ, тулак, мӯйрезӣ, пӯстпартоӣ; паррезӣ

линюч||ий, -ая, -ее (линюч, -а, -е) *разг.* 1. рангпар; ~**ая матéрия** матои рангпар 2. *(о птицах, животных)* тулаккунанда, пустпарто

линял||ый, -ая, -ое *разг.* 1. рангпарида 2. *(о птицах, животных)* тулаккарда, муйрехта; пустпартофта; паррехта; ~**ые пти́цы** паррандаҳои паррехта

линя́ние *с (по знач. гл.* **линя́ть** 1) ранг паридан(и), паридани ранг

линя́||ть *несов.* 1. ранг паридан, рангпар будан; **ткань** ~**ет** ранги матоъ мерезад 2. *(о животных)* тулак кардан, мӯй рехтан; *(о пресмыкающихся)* пуст партофтан; *(о птицах)* пар рехтан; **за́яц** ~**ет** муи харгуш мерезад

ли́па I *ж (дерево)* [дарахти] зерфун

ли́па II *ж груб. прост. (фальшивка)* чизи қалбакӣ

ли́пк||а *ж уменьш.-ласк. к* **ли́па** I; ◊ **ободра́ть как** ~**у** *прост.* лублуч намудан, ғорат кардан

ли́пк||ий, -ая, -ое (ли́п|ок, -ка́, -ко) 1. часпак, часпанда, сақичак; ~**ая бума́га** коғази часпак 2. *перен. разг.* шилқин; дилбазан *(оид ба одам)*

ли́пн||уть *несов.* 1. *к кому-чему* часпидан; **клеёнка** ~**ет** клеёнка мечаспад 2. *перен. разг.* часпидан; **му́хи ли́пли к мёду** магасҳо ба асал мечаспиданд 3. *разг. (приставать)* шилқин шудан, маҳкам часпидан

липня́к *м (липовая роща)* зерфунзор

ли́пов||ый I, -ая, -ое ...и зерфун, зерфунӣ; ~**ая кора́** пустлоқи зерфун; ~**ый мёд** асали [гули] зерфун; ~**ый цвет** гули зерфун

ли́повый II, -ая, -ое *прост.* қалбакӣ (сохта); ~ **докуме́нт** ҳуҷҷати қалбакӣ

липу́ч||ий, -ая, -ее (липуч, -а, -е) *прост.* часпак, часпанда, сақичак; ~**ая смола́** қатрони часпак

липу́чка *ж* 1. *разг.* чизи часпак (часпанда) 2. *перен.* шилқин

ли́ра I *ж* 1. *муз.* лира *(сози рубобмонанди Юнони Қадим)* // илҳоми шоирона, эҷодиёти шоирӣ; назм; ~ **Пу́шкина** назми Пушкин 2. лира *(асбоби қадими мусиқии ҳофизони халқии украин ва белорус)* 3. *(Л прописное) астр.* бурҷи Санҷ

ли́ра II *ж* лира *(воҳиди пул дар Италия ва Туркия)*

лири́зм *м* 1. *лит.* лиризм *(хусусияти лирики, руҳ ва характери лирикии асар)*; 2. *(лирическое настроение)* руҳияи лирикӣ

ли́рик *м* лирик, ғазалсаро

ли́рика *ж* лирика (1. *лит. як тарзи назм, ки бештар руҳияи худи шоир ва ҳиссиёти ботинии вайро акс мекунад* 2. *маҷмуи асарҳои ҳамин навъи назм* 3. *перен. бартарии унсурҳои ҳиссиёт нисбат ба ақлу идрок)*

ли́рико-драмати́ческий, -ая, -ое лирикии драмавӣ *(оид ба асари адабие, ки унсурҳои лирика ва драма дорад)*

ли́рико-эпи́ческий, -ая, -ое *см.* **ли́ро-эпи́ческий**

лири́ческ||ий, -ая, -ое 1. лирикӣ ...и лирик, ...и лирика; ~**ий поэ́т** шоири лирик; ~**ая поэ́зия** назми лирикӣ 2. лирикӣ; ~**ое настрое́ние** руҳияи лирикӣ 3. *муз.* лирикӣ, нарм, мулоим, маҳин *(оид ба овоз)*; ~**ий те́нор** тенори лирикӣ ◊ ~**ий беспоря́док** рубу чини бетартибона (чалачулпа); ~**ое отступле́ние** руҷуи лирикӣ

лири́чность *ж* лирикӣ будан(и)

лири́чный, -ая, -ое (лири́ч|ен, -на, -но) *см.* **лири́ческий** 2

ли́рник *м* ҳофиз, гуянда

лирохво́ст *м зоол.* лирадум *(паррандае аз гуруҳи гунҷишкҳо, ки думи лирашакл дорад)*

ли́ро-эпи́ческий, -ая, -ое ...и достони лирикӣ *(оид ба асарҳои адабие, ки унсурҳои лирикӣ ва достониро дар бар мегиранд)*

лис *м уст. и обл.* наррубоҳ, рубоҳи нар

лис||а́ *ж* 1. рубоҳ, рубоҳи мода; *(мех)* пусти рубоҳ 2. *перен.* чоплус, хушомадгуй; ҳилагар, фиребгар; **прики́дываться** ~**о́й** чоплусӣ (рубоҳӣ) кардан ◊ **Лиса Патрике́евна** 1) номи рубоҳ дар афсонаҳои халқии рус 2) *то же, что* **лиса́** 2

ли́сель *м мор.* лисель, бодбони иловагӣ *(бодбоне, ки дар вақти сустии бод дар паҳлӯи бодбонҳои асосӣ барои зиёд кардани сатҳи онҳо бардошта мешавад)*

лисёнок *м* рубоҳбача, рӯбоҳча, рӯбоҳак

ли́с||ий, -ья, -ье 1. рубоҳӣ, ...и рӯбоҳ; ...и пусти рубоҳ; ~**ий мех** пусти рубоҳ; ~**ья нора** лонаи рубоҳ; ~**ья шу́ба** пустини пусти рубоҳ 2. *перен.* ҳилагар(она), маккор(она), чоплус(она)

лиси́ть *несов. прост.* чоплусӣ (хушомадгуӣ, рубоҳӣ) кардан

лиси́ца *ж см.* **лиса́**; ~**-куря́тница** рӯбоҳи мурғхур

лиси́чка I *ж уменьш.-ласк. к* **лиси́ца**

лиси́чка II *ж (гриб)* қузиқандӣ *(занбуруғи зарди сурхтоби хӯрданӣ)*

лисови́н *м обл.* наррубоҳ, рӯбоҳи нар

ли́сонька *ж фольк. ласк. к* **лиси́ца** рубоҳак, рубоҳча

лисохво́ст *м бот.* қунокак

лист *м* 1. *(мн.* **ли́стья)** *бот.* барг; **сухи́е** ~**ья** баргҳои хушк; **лавро́вый** ~ барги дарахти ғор; **александри́йский** ~ *фарм.* саноӣ Макка // *собир. (листва)* барг, баргҳои дарахт 2. *(мн.* **листы́)** варақ, тахта; ~ **бума́ги** як варақ коғаз; ~ **желе́за** як тахта тунука 3. *(мн.* **листы́)** варақа, нома; **подписно́й** ~ варақаи обуна; **больни́чный** ~ варақаи беморӣ; **исполни́тельный** ~ *юр.* варақаи иҷроия; **похва́льный** ~ таҳсиннома ◊ **а́вторский** ~ ҷузъи таълифӣ; **дрожа́ть как оси́новый** ~ чун барги бед ларзидан; **петь (игра́ть, чита́ть) с** ~**а** *муз.* аз руи нота сурудан (навохтан, хондан); **приста́ть (привяза́ться) как ба́нный** ~ *прост.* кана барин часпидан

листа́ж *м* ҳаҷм *(аз руи ҳисоби ҷузъҳои чопӣ)*

листа́ть *несов. что разг.* варақ задан, саҳифа гардондан (задан)

листва́ *ж собир.* барг, баргҳои дарахт

ли́ственница *ж бот.* коҷи баргрез *(дарахти сузанбарг, ки баргҳояш мулоим буда, дар зимистон мерезанд)*

ли́ственничный, -ая, -ое ...и коҷи баргрез; ~ **лес** ҷангали коҷи баргрез

ли́ственный, -ая, -ое 1. паҳнбарг; ~ **лес** ҷангали дарахтони паҳнбарг 2. баргшакл; ~ **узо́р** нақши наботӣ

листо́вка *ж* варақа; **агитацио́нная** ~ варақаи агитационӣ

листов||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и барг; ~**о́й таба́к** баргтамоку 2. тахта-тахта, ...и тахта; ~**о́е желе́зо** тунука

листое́ды *мн. (ед.* **листое́д** *м) зоол.* баргхӯрон *(хели гамбускҳои зарррасон, ки барги растаниҳоро мехӯранд)*

лист||о́к *м* 1. *уменьш. к* **лист** 1, 2; **дубо́вый** ~**о́к** баргчаи дарахти булут; ~**ки́ из блокно́та** варақҳои блокнот 2. варақа; ~**о́к нетрудоспосо́бности** варақаи беморӣ 3. *см.* **листо́вка; боево́й** ~**о́к** варақаи ҷанговар

листоно́гие *мн. (ед.* **листоно́гое** *с)* баргпоён *(харчангҳое, ки пойҳои баргшакл доранд)*

листопа́д *м* баргрезӣ, хазонрезӣ; фасли хазонрезӣ, хазонрез

листопа́дн||ый, -ая, -ое 1. ...и хазонрезӣ; ~**ая пора́** фасли хазонрезӣ 2. *бот.* баргрез; ~**ые расте́ния** растаниҳои баргрез

листопрока́тный, -ая, -ое ...и тунукасозӣ; ~ **цех** цехи тунукасозӣ; ~ **стан** дастгоҳи тунукасозӣ

листопрока́тчик *м* тунукасоз

листоре́з *м* тунукабур

лися́тник *м* парваришгоҳи рӯбоҳ

лит: *шакли мухтасари калимаи «литература», ки дар калимаҳои мураккаб истеъмол мешавад:* **литсотру́дник** ходими адабӣ

литаври́ст *м* нақоранавоз

лита́вры *мн. (ед.* **лита́вра** *ж)* нақора

лите́йный, -ая, -ое 1. ...и рехтагарӣ; ~ **цех** цехи рехтагарӣ 2. *в знач. сущ.* **лите́йная** *ж* корхонаи рехтагарӣ

лите́йщик *м* рехтагар

ли́тер *м ж.-д.* литер *(ҳуҷҷате, ки дорои аломатҳои шартӣ буда, барои бепул ё бо нархи арзон сафар кардан дода мешавад)*

ли́тера *ж* 1. *уст.* ҳарф 2. *полигр.* литера *(ҳарф, аломат ва ғ. дар матбаа)*

литера́тор *м* адиб, нависанда

литера́торский, -ая, -ое ...и адиб, ...и нависанда

литера́торство *с разг.* нависандагӣ

литерату́р||а *ж* адабиёт; **сове́тская** ~**а** адабиёти советӣ; **худо́жественная** ~**а** адабиёти бадеӣ; **нау́чная** ~**а** адабиёти илмӣ; **полити́ческая** ~**а** адабиёти сиёсӣ; **иде́йность** ~**ы** ғоянокии адабиёт; **парти́йность** ~**ы** партиявияти адабиёт

литерату́рность же бадеият, адабӣ будан(и); ~ **изложе́ния** бадеияти баёнот

литерату́рн||ый, -ая, -ое (литерату́р|ен, -на, -но) *в разн. знач.* адабӣ,

бадеӣ, ...и адабиёт; ~ый язык забони адабӣ; ~ое выражение ибораи адабӣ; ~ое произведение асари адабӣ

литературовед *м* адабиётшинос

литературоведение *с* адабиётшиносӣ

литературоведческий, -ая, -ое ...и адабиётшиносӣ

литературщина *ж разг. неодобр.* сабки тумтароқ, пуртумтароқӣ

литерный I. -ая, -ое *ж.-д.* литерӣ, ...и литер; ~ билет билети литерӣ

литерн||ый II, -ая, -ое 1. ...и ҳарф 2. литерагӣ 3. бо ҳарф нишон додашуда; ~ая ложа *(в театре)* ложаи бо ҳарф нишон додашуда

литий *м хим.* литий *(элементи химиявӣ; металли сабуки нуқрафом)*

литка *ж тех.* сабика

литкружок *м* маҳфили адабӣ

литмонтаж *м* монтажи адабӣ *(асаре, ки аз порчаҳои гуногуни як ё якчанд асари адабӣ тартиб дода мешавад)*

литник *м тех.* чуяк *(ба воситаи он металли гудохтаро ба қолиб мерезанд)*

литовец *м* литвонӣ

литовка *ж* зани (духтари) литвонӣ

литовск||ий, -ая, -ое литвонӣ, ...и литвониҳо, ...и Литва; ~ий язык забони литвонӣ; ~ие леса ҷангалзорҳои Литва

литовцы *мн.* литвониҳо

литогенез *м геол.* литогенез *(маҷмӯи процессҳои пайдоиши ҷинсҳои таҳшинии кӯҳӣ)*

литограф *м* литограф, мутахассиси чопи сангӣ

литографирование *с (по знач. гл.* литографировать) ба тарзи литографӣ чоп кардан(и), чопи сангӣ кардан(и)

литографированный, -ая, -ое 1. *прич.* литография кардашуда 2. *прил.* ...и чопи сангӣ

литографировать *сов., несов. что* ба тарзи литографӣ чоп кардан, чопи сангӣ кардан

литографироваться *несов. страд.* ба тарзи литографӣ чоп шудан

литографический, -ая, -ое литографӣ, ...и литография, ...и чопи сангӣ

литография *ж* литография (1. *чопи сангӣ* 2. *нусхаи чопшуда, расми чопи сангӣ* 3. *корхона ё устохонаи чопи сангӣ)*

литографск||ий, -ая, -ое литографӣ. ...и литография, ...и чопи сангӣ; ~ий оттиск нусхаи чопи сангӣ; ~ие краски рангҳои литографӣ ◇ ~ий камень 1) санги чоп 2) қолиби чоп

литографщик *м разг. см.* литограф

лит||ой, -ая, -ое рехта, рехташуда; ~ая сталь пулоди рехта

литосфера *ж* литосфера, қишри Замин

литр *м* 1. *(мера)* литр; ~ молока як литр шир 2. *(посуда)* зарфи яклитрӣ

литраж *м* литраж *(зарфияти чизе ба ҳисоби литр)*

литровка *ж прост.* зарфи яклитрӣ

литровый, -ая, -ое литрӣ, яклитрӣ

литсотрудник *м* ходими адабӣ

литургическ||ий, -ая, -ое *церк.* ибодатӣ; ~ое пение сурудхонии ибодатӣ *(дар калисои насрониён)*

литургия *ж церк.* ибодати пешинрузии насрониҳо

литфонд *м* фонди адабӣ

лить *несов.* 1. *что* рехтан; ~ воду об рехтан 2. *что перен.* паҳн кардан, пошидан, додан, афкандан; луна льёт тусклый свет моҳ нури хира меафканад 3. *разг.* сахт боридан, шоридан; льёт дождь борон сахт меборад; кровь льёт из раны хун аз ҷароҳат мешорад 4. *что тех.* рехтан, сохтан; ~ пушки туп сохтан; ~ свечи шамъ рехтан ◇ ~ колокола *уст.* дурӯғ гуфтан, суханчинӣ (ғайбат) кардан; ~ чью-л. кровь хуни касеро рехтан; ~ пули *прост.* дурӯғ бофтан, муҳобот кардан; ~ слёзы ашк рехтан; ~ крокодиловы слёзы бардурӯғ ашк рехтан (оби дида кардан); ~ воду на чью-л. мельницу ба осиёби касе об сар додан; льёт как из ведра борони сахт (сел) борида истодааст

литьё *с* 1. *(по знач. гл.* лить 4) резиш, рехтан(и), сохтан(и) 2. *собир.* чизҳои аз металл рехташуда

литься *несов.* 1. рехтан, равон шудан, шоридан, ҷорӣ шудан; вода льётся из крана об аз кран мерезад 2. *перен.* паҳн (пошида) шудан, боридан; *(о звуках)* баланд шудан; где-то лилась песня аз ҷое садои суруд меомад 3. равон шудан; его речь так и лилась суханони у бемалол ва равон баён мешуданд 4. *страд.* рехта шудан ◇ ~ через край лабрез шудан

лиф *м* лиф *(қисми либоси занона аз миён то болои сина)*

лифт *м* лифт *(мошини бардфуро дар иморатҳои серошёна)*

лифтёр *м* лифтёр, лифтчӣ *(идоракунанда ё нозири лифт)*

лифчик *м* синабанд

лихач *м* 1. *неодобр.* далери беақл, бодӣ, беэҳтиёт; шофёр-~ шофёри беэҳтиёт 2. *уст.* фойтунчии олуфта; фойтуни боҳашамат

лихаческий, -ая, -ое ...и ронандаи беэҳтиёт

лихачество *с* далерии беақлона

лихв||а *ж уст.*: с ~ой барзиёд; отдать с ~ой барзиёд гашта додан

лих||о I *с уст. и фольк.* бадӣ, бало ◇ не поминайте ~ом *кого* ба бадӣ ёд накунед; узнать, почём фунт ~а гармию сардии рузгорро дидан; хватить ~а гаму алами бисьёр кашидан

лихо II 1. *нареч.* бод барин, шитобон, бисьёр тез; он ~ промчался на коне вай аспсавор бод барин гузашта рафт 2. *нареч.* моҳирона, ҳунармандона; ~ отплясывать моҳирона рақсидан; ~ заломить шапку телпакро якшоха мондан 3. *в знач. сказ. безл. кому уст. и прост.* бад (ганда) аст, сахт (душвор) аст

лиходей *м уст. и фольк.* ҷинояткор, бадкирдор, разил

лиходейский, -ая, -ое *уст. и фольк.* ҷинояткорона, бадкирдорона, разилона

лиходейство *с уст. и фольк.* ҷинояткорӣ, бадкирдорӣ, разилӣ

лихоимец *м уст.* порахур, ришватгир; судхур

лихоимство *с уст.* порахӯрӣ, ришвагирӣ; судхурӣ

лих||ой I, -ая, -ое (лих, -а, -о) *уст. и фольк.* 1. *(злой)* бадкирдор, шарир 2. сахт, вазнин, душвор, мушкил: ~ой год соли вазнин ◇ ~а беда начало *погов.* сари кор сар кафонад

лих||ой II, -ая, -ое (лих, -а, -о) 1. далер(она), ҷасур(она), бебок, босуръат, чолок(она), чобук(она); ~ая езда чобуксаворӣ 2. шух; ~ая песня суруди шух 3. моҳир, чолок, чаққон; ~ой танцор раққоси моҳир

лихолетье *с уст.* солу замонаи пурошуб (пурофат)

лихоманка *ж обл.* табларза, безгак

лихоради||ть *несов.* 1. *кого-что и без доп.* варача гирифтан, ларзидан, таб кардан; больной ~т беморро варача мегирад; его ~ло *безл.* уро варача гирифта буд 2. *перен.* вайрон кардан, халал расондан 3. *перен.* саросема (телба) кардан

лихорадк||а *ж* 1. табларза, варача; приступ ~и авҷи варача; его трясёт ~а уро варача меларзонад 2. *перен.* талвоса, изтироб ◇ жёлтая ~а *мед.* варачаи тропикӣ; золотая ~а васвасаи тилло

лихорадочность *ж* саросемагӣ, телбакорӣ, талвоса

лихорадочн||ый, -ая, -ое (лихорадоч|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* табларзагӣ, варачагӣ, ...и табларза, ...и варача; ~ый жар таби варача 2. *перен.* ...и саросемагӣ, ...и талвоса; с ~ой поспешностью саросемаву телбакорона

лихость *ж* далерӣ, ҷасурӣ, бебокӣ

лихтер *м мор.* лихтер *(киштии хурди боркаш)*

лицевание *с (по знач. гл.* лицевать) руйгардон кардан(и); руйкаш (руйбаст) кардан(и)

лицевать *несов. что* 1. руйгардон кардан *(оид ба либос)*; 2. *(облицовывать)* руйкаш (руйбаст) кардан *(мас. девори иморатро бо санг, кошӣ, мармар ва г.)*

лицеваться *несов. страд.* руйгардон шудан; руйкаш (руйбаст) карда шудан

лицев||ой, -ая, -ое 1. ...и руй; ~ые мышцы мушакҳои руй 2. роста, ...и руй, боло, пеш; ~ая сторона тарафи роста, тарафи пеш ◇ ~ой счёт *фин.* счёти (ҳисоби) шахсӣ

лицедей *м уст.* 1. актёр, бозингар 2. *перен.* найрангбоз, риёкор

лицедейство *с уст.* 1. актёрӣ, бозингарӣ 2. *перен.* найрангбозӣ, риёкорӣ

лицедействовать *несов. уст. книжн.* 1. актёрӣ (бозӣ) кардан 2. *перен.* найрангбозӣ (риёкорӣ) кардан

лицезрение *с уст. и ирон.* дидор

лицезреть *несов. кого-что уст. и ирон.* дидор дидан

лицеист *м* талабаи лицей

лицей *м* лицей (1. *ист. мактаби имтиёзноки миёна ё олии мардона дар*

Россияи тореволюционӣ 2. мактаби миёна дар Европаи Ғарбӣ)

лицейский, -ая, -ое ...и лицей, лицеӣ; ~ **период жизни Пушкина** давраи лицейхонии ҳаёти Пушкин

лицемер *м* дуруя, мунофиқ, риёкор

лицемерие *с* дуруягӣ, мунофиқӣ, риёкорӣ

лицемерить *несов.* дурӯягӣ (мунофиқӣ, риёкорӣ) кардан

лицемерность *ж* дурӯягӣ (мунофиқона, риёкорона) будан(и); ~ **поведения** риёкорӣ

лицемерн||ый, -ая, -ое (лицемер|ен, -на, -но) дуруя, мунофиқ(она), риёкор (-она); ~**ый человек** одами дуруя; ~**ая улыбка** табассуми мунофиқона

лицензионный, -ая, -ое *эк.* лицензиягӣ, ...и лицензия; ~ **сбор** пули лицензия

лицензия *ж эк.* лицензия (1. *иҷозатномаи содирот ва воридоти мол 2. ҳуқуқи бе пул ё бо имтиёз истифода кардани чизе)*

лицеприятие *с уст.* руйбинӣ, руихотир кардан(и)

лицеприятный, -ая, -ое (лицеприят|ен, -на, -но) *уст.* руйбин(она)

лицеприятствовать *несов.* руйбинӣ (руихотир, ошнобозӣ) кардан

лиц||о *с* 1. руй, чеҳра, рухсора, афт, симо, башара; **красивое** ~**о** руи зебо; **вытянутое** ~**о** 1) руи дароз 2) *перен.* чеҳраи мушавваш 2. *перен.* симо, хислатҳои хоси касе; **не иметь своего** ~**а** дорои хислатҳои хоси худ набудан 3. шахс, одам, кас; **частное** ~**о** шахси ғайрирасмӣ; **историческое** ~ шахси таърихӣ 4. руй, тарафи роста 5. *грам.* шахс; **изменение глагола по лицам** тасрифи феъл аз руи шахс ◇ **действующее** ~**о** 1) *лит.* қаҳрамон 2) иштироккунанда; **действующие лица и исполнители** *театр.* иштироккунандагон ва иҷрокунандагони рольҳо; **должностное** ~**о** мансабдор; **юридическое** ~**о** *юр.* шахси юридикӣ; **физическое** ~**о** *юр.* шахси воқеӣ; ~**ом к кому-чему-л.** 1) ба касе, чизе ру оварда; 2) руи (пеши, саҳни) чизе; **сесть** ~**ом к свету** ру ба рушноӣ оварда нишастан; ~**ом к** ~**у** (**стоять, встретиться**) 1) ру ба ру (истодан, шудан); 2) бевосита; **в** ~**о говорить** руйрост (кушоду равшан) гуфтан; **на одно** ~**о** ба якдигар монанд, як себу ду тақсим; **невзирая на лица** руйбинӣ накарда, бе руйбинӣ, риояи хотир накарда; **от** ~**а кого-л.** аз номи касе; **перед** ~**ом** 1) **кого-л.** дар пеши (дар ҳузури, дар назди) шахсе; 2) **чего-л.** дар сурати мавҷуд будани чизе; **быть к** ~**у** *кому* 1) зебидан, ҷоиз (раво) будан, шинам омадан 2) муносиб будан; **в поте** ~**а трудиться** бо араки ҷабин меҳнат кардан; **смотреть (глядеть) в** ~**о** *чему* нотарс ру ба ру шудан; **делать какое-л.** ~**о** ифодаи чеҳраро дигар кардан; **знать в** ~**о кого-л.** бо касе чашмдид будан, касеро шинохтан; **он изменился в** ~**е** қиёфааш дигар шуд; ~**а [живого] нет на ком-л** ранги касе парид; ~**ом в грязь не ударить** шарманда (рӯйсиёҳ) нашудан; ~**ом не вышел** хушру не, бадафт; **на** ~**е написано** *у кого, чьём* намоён, ба ҳама маълум; **ни кровиики в** ~**е** *у кого* ранги ру парида; **повернуться** ~**ом к чему-л.** диққат кардан, аҳамият додан; **с каким** ~**ом я покажусь теперь ему на глаза?** ман акнун чӣ тавр ба руяш нигоҳ мекунам?; **смотреть правде в** ~**о** аз ҳақиқат бим надоштан (руй натофтан); **спасть с** ~**а** *прост.* худро гиронда; **стереть с** ~**а земли** ба замин яксон кардан, несту нобуд кардан; **у него** ~**о вытянулось** 1) *(от удивления)* кайфаш (хушаш) парид 2) *(от худобы)* чеҳраш кохидааст; **с** ~**а не воду пить** *погов.* ≈ ҳуснашро ба лаълӣ андохта ба бозор намебарорӣ

лицованн||ый, -ая, -ое *прич., прил.* руйгардон кардашуда, руйгардоншуда; ~**ое пальто** пальтои руйгардон кардашуда

лицовка *ж (по знач. гл.* **лицевать***)* руйкаш намудан(и), руйбасткунӣ, руйгардон кардан(и)

личико *с уменьш.-ласк. к* **лицо** I

личин||а *ж* 1. *уст.* ниқоб, ҳиҷоб 2. *перен.* қиёфа, андом 3. *тех.* тунукаи атрофи қулфи сандуқ ◇ **надеть [на себя]** ~**у** *чего, какую* ниқоб пушидан

личинка I *ж биол.* кирм, кирмак

личинка II *ж воен.* тамбак *(қисми затвори милтиқ, ки барои тамба кардани мил хизмат мекунад)*

личинковый, -ая, -ое *биол.* ...и кирмак, ...и кирм

личиночн||ый, -ая, -ое кирмӣ, ...и кирмак; ~**ая стадия развития** давраи кирмӣ *(ҳашарот, баъзе ҷонварони майда)*

лично *нареч.* шахсан, худ; ~ **расписаться** шахсан имзо кардан

личн||ой, -ая, -ое ...и руй; ~**ое полотенце** сачоқ, дасту рупоккун

личност||ь *ж* шахсият; шахс, одам, кас; **светлая** ~**ь** одами наҷиб; **свобода** ~**и** озодии шахсият ◇ **не касаться** ~**ей** шахсан номбар накардан; **неприкосновенность** ~**и** масунияти шахсият

личн||ый, -ая, -ое 1. шахсӣ, ...и шахс; ~**ая собственность** моликияти шахсӣ; ~**ая жизнь** ҳаёти шахсӣ; ~**ое мнение** фикри шахсӣ; ~**ое дело** 1) кори шахсӣ 2) *канц.* делаи шахсӣ; ~**ые права** ҳуқуқи шахсӣ 2. шахсӣ, шахсан; ~**ое присутствие** ҳузур доштан(и), шахсан иштирок кардан(и); ~**ая инициатива** ташаббуси шахсӣ 3. *грам.* шахсӣ; ~**ые местоимения** ҷонишинҳои шахсӣ; ~**ые окончания глагола** бандакҳои шахсии феъл ◇ ~**ый дворянин** *ист.* дворянини фардӣ *(унвоне, ки дар Россияи подшоҳӣ ба дворянҳо шахсан дода мешуд ва ҳуқуқи меросӣ надошт)*; ~**ый состав** ҳайати шахсӣ; ~**ые счёты** ғараз, кина, қасд

лишай *м* 1. *см.* **лишайник**; 2. *мед.* хушкӣ, шукуфа; **стригущий** ~ шукуфа, муйхурак

лишайник *м бот.* гулсанг

лишайников||ый, -ая, -ое ...и гулсанг; ~**ые тундры** тундраҳои гулсангзор

лишайн||ый, -ая, -ое *мед.* ...и хушкӣ, ...и шукуфа; ~**ая сыпь** доначаҳои шукуфа

лишать *несов. см.* **лишить**

лишаться *несов.* 1. *см.* **лишиться;** 2. *страд.* маҳрум гардидан

лиш||ек *м прост.* бақия, анд, анде, зиёдатӣ, зиёдӣ; **с** ~**ком** бо зиёдатиаш, зиёдтар; **пять пудов с** ~**ком** аз панҷ пуд зиёдтар

лишенец *м уст.* маҳруми ҳуқуқ

лишени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **лишить***)* маҳрумият, маҳрум кардан(и); *(по знач. гл.* **лишиться***)* маҳрумӣ, маҳрумшавӣ; ~**е гражданства СССР** аз ҳуқуқи граждаиии СССР маҳрум кардан(и) 2. *мн.* **лишения** муҳтоҷӣ, бенавоӣ, қашшоқӣ; **терпеть** ~**я** муҳтоҷӣ кашидан

лишённый *прич.* (лиш|ён, -ена, -ено) маҳрум, маҳрумшуда, маҳрумгардида; **этот артист не лишён таланта** ин артист истеъдод дорад

лишить *сов. кого-что, кого-чего* маҳрум кардан; ~ **свободы** аз озодӣ маҳрум кардан; ~ **прав** аз ҳуқуқ маҳрум кардан; ~ **слова** сухан надодан; ~ **жизни** *кого* қатл кардан, куштан

лишиться *сов. кого-чего* маҳрум шудан, гум кардан, аз даст додан, ҷудо шудан; ~ **имущества** аз молу мулк маҳрум шудан; ~ **сна** аз хоб мондан ◇ ~ **памяти** *уст.* аз хуш рафтан; ~ **рассудка (ума)** ақлро гум кардан, аз ақл бегона шудан

лишне *нареч.:* **не** ~ аз фоида холӣ нест, зарар намекунад, беҳтар аст; **не** ~ **повторить правило** такрори қоида аз фоида холӣ нест

лишн||ий, -яя, -ее 1. зиёдӣ, зиёдатӣ, барзиёд; ~**ий экземпляр книги** нусхаи зиёдатии китоб 2. нодаркор, зиёдатӣ; ~**ий человек** одами зиёдатӣ; ~**ий расход** хароҷоти зиёдатӣ 3. дигар, барилова, зиёдатӣ; **посмотреть** ~**ий раз** бори дигар дидан 4. *в знач. сущ.* **лишнее** *с* зиёдатӣ, барзиёд; нодаркорӣ; **он сказал** ~**ее** вай гапҳои зиёдатӣ зад ◇ **с** ~**им** зиёда, зиёдтар, зиёда аз...; **пять рублей с** ~**им** зиёдтар аз панҷ сум; **позволить себе** ~**ее** 1) *(в расходах)* хароҷоти барзиёд кардан 2) *(в поведении)* гапҳои зиёдатӣ задан; рафтори беҷо кардан; **без** ~**их разговоров** гапро ғоз надода, суханро дароз накарда

лишь 1. *частица* фақат, бас; халос; ~ **его не было** фақат вай набуд; **ему** ~ **бы усесться** шишта гирад бас; **разве** ~ магар 2. *союз (как только, едва)* ҳамин ки, ...замон; ~ **сказал, как всё уже готово** гуфтан замон ҳама чиз тайёр шуд

лоб *м* пешона, ҷабин; **высокий** ~ пешонаи васеъ (фарох); **низкий** ~ пешонаи танг; **крутой** ~ пешонаи дунг; **открытый** ~ пешонаи фарох ◇ **медный** ~ *бран.* каллакаду, каллаварам; **в** ~ 1) *воен.* ру ба ру 2) *мор.* мукобили киштӣ 3) руйрост, кушоду равшан; **на лбу написано** *у кого* намоён, ба ҳама

маълум; **глаза́ на ~ ле́зут** *у кого прост.* чашмон мош барин калон кушода мешаванд; **забри́ть ~** *кому уст.* ба аскарӣ гирифтан; **заруби́ть [себе́] на лбу** *прост.* нағзакак дар хотир доштан, ҳаргиз фаромуш накардан; **лбом стены́ не прошибёшь** *погов.* ≈ замин сахт—осмон баланд; **пусти́ть [себе́] пу́лю в ~** худро парронда куштан; **семи пя́дей во лбу́** бисьёр оқил, хеле доно; **что в ~, что по лбу** *погов.* ≈ ду понздаҳ — як сӣ; Алихоҷа—Хоҷаалӣ

лоба́н I *м прост.* пешонавасеъ, пешонафарох

лоба́н II *м (рыба)* калламоҳӣ

лоба́стый, -ая, -ое (лоба́ст, -а, -о) *прост.* пешонавасеъ, пешонафарох, пешонабаланд

лобза́ние *с уст. поэт.* буса, бусиш, муччӣ

лобза́ть *несов. кого-что уст. поэт.* бусидан, буса (муччӣ) кардан

лобза́ться *несов. уст. поэт.* бусобусӣ (муччӣ-муччӣ) кардан, якдигарро бусидан

ло́бзик *м* симарра

ло́бзиковый, -ая, -ое ...и симарра

лобко́в||ый, -ая, -ое *анат.* ...и зери ноф; **~ые ко́сти** устухонҳои зери ноф

ло́бн||ый, -ая, -ое ...и пешона; **~ая кость** устухони пешона **~ое ме́сто** *ист.* 1) минбар 2) ҷои қатл, ҷои ҷазо

лобов||о́й, -а́я, -о́е 1. ру ба ру; **~ая ата́ка** ҳуҷуми ру ба ру; **~о́й ве́тер** боди мухолиф 2. ...и пеш; **~ая часть та́нка** пеши танк

лобогре́йка *ж с.-х.* даравгарак

лобо́к *м анат.* зери ноф

лоботря́с *м прост.* дангоса, муғамбир

лоботря́сничать *несов. прост.* дангосагӣ (муғамбирӣ) кардан

лобыза́ние *с уст. и ирон. см.* **лобза́ние**

лобыза́ть(ся) *несов. уст. и ирон. см.* **лобза́ть(ся)**

лов *м* 1. *см.* **ло́вля** 1; 2. *уст.* шикор, сайд; **бога́тый ~** сайди фаровон

ловела́с *м* занбоз, занакабоз

ловела́сничать *несов.* занбозӣ (занакабозӣ) кардан

ловела́сничество *с* занбозӣ, занакабозӣ

лов||е́ц *м* сайдгир; сайёд; **на ~ца́ и зверь бежи́т** *посл.* ≈ сайёдро кор барор гирад, сайд ба пои худ меояд

лове́цкий, -ая, -ое ...и сайдгир; ...и сайёд

лови́ть *несов.* 1. *кого-что* доштан, қапидан; **~ мя́чик** тубро доштан 2. *кого-что* гирифтан, даст гирифтан, қапидан; сайд кардан; **~ ры́бу** моҳӣ гирифтан; **~ во́ра** дуздро дастгир кардан 3. *что* истифода кардан, ғанимат донистан; **~ слова́** гапро бо диққат гуш кардан; **~ взгляд** нигоҳро пайхас кардан; **~ удо́бный слу́чай** фурсатро ғанимат донистан; **~ моме́нт** фурсатро аз даст надодан 4. *кого-что на чём перен.* гирифтан, дарьёфтан; **~ на сло́ве (слова́х)** кого-л. аз касе қавл гирифтан; **~ себя́ на мы́сли** нохост ҳис кардан ◇ **~ волну́ (ста́нцию)** *радио* мавҷи радиоро доштан; **в му́тной воде́ ры́бу ~** *погов.* обро лой карда моҳӣ гирифтан

лови́ться *несов.* 1. афтодан 2. *страд.* дошта шудан, гирифта шудан

ловка́ч *м разг.* абҷир, чаққон

ловк||ий, -ая, -ое (ло́в|ок, -ка́, -ко) 1. моҳир(она), чолок(она), чаққон, кордон, усто; **~ий нае́здник** савораи моҳир; **~ий прыжо́к** ҷаҳиши чолокона 2. корчаллон, устокор(она), абҷир(она); **~ий плут** қаллоби гузаро; **~ая проде́лка** найранги қаллобона 3. *разг.* соз, боб, қулай; **~ое седло́** зини қулай (соз)

ло́вко 1. *нареч.* моҳирона, чолокона, устокорона, бо устой; **~ вы́вернуться** бо устой халос шудан 2. *нареч.* бисьёр шинам; **пиджа́к ~ сиде́л на нём** пиджак ба вай бисьёр шинам буд 3. *в знач. сказ. безл. кому* соз (боб, қулай) аст; **мне здесь ~ сиде́ть** барои ман ин ҷо нишастан қулай аст

ло́вкость *ж* 1. маҳорат, чолокӣ, чаққонӣ, кордонӣ; **он с ~ю пры́гнул** вай чолокона ҷаҳид 2. корчаллонӣ, чолокӣ, устокорӣ

ло́вля *ж* 1. *(по знач. гл.* **лови́ть** 2) гирифтан(и), шикор, сайд; **~ ры́бы** шикори моҳӣ, моҳигирӣ 2. *уст.* ҷои моҳигирӣ

лову́шк||а *ж* дом, тузоқ, қапқон; **пойма́ть в ~у** 1) ба дом афтондан 2) *перен.* фиреб додан; **попа́сть в ~у** 1) ба дом афтодан 2) *перен.* фиреб хӯрдан

ло́вч||ий, -ая, -ее 1. шикорӣ, ...и шикор; **~ие пти́цы** мурғони шикорӣ 2. *в знач. сущ.* **ло́вчий** *м ист.* мири шикор

ловчи́ть *несов. прост.* корчаллонӣ (маккорӣ, устокорӣ) кардан

ловчи́ться *несов. прост.* корчаллонӣ (маккорӣ, устой) кардан

лог *м* ҷар, оббурда, сой, дара

логари́фм *м мат.* логарифм; **табли́ца ~ов** ҷадвали логарифмҳо

логарифми́ровать *сов., несов. что мат.* логарифм ёфтан

логарифми́ческ||ий, -ая, -ое *мат.* логарифмӣ, ...и логарифм; **~ая табли́ца** ҷадвали логарифмҳо; **~ая лине́йка** ҷадвали логарифмӣ *(асбоби ҳисоб)*

ло́гик *м* мантиқдон, мутахассиси илми мантиқ

ло́гика *ж* 1. [илми] мантиқ 2. мантиқ; **~ собы́тий** мантиқи ҳодисаҳо; **жи́зненная ~** мантиқи ҳаёт; **~ нау́чного мышле́ния** мантиқи тафаккури илмӣ

логи́ческ||ий, -ая, -ое мантиқӣ, ...и мантиқ, бомантиқ; **~ий вы́вод** хулосаи мантиқӣ; **~ая оши́бка** саҳви мантиқӣ; **~ая связь собы́тий** алоқаҳои мантиқии ҳодисаҳо; **~ое ударе́ние** задаи мантиқӣ

логи́чность *ж* мантиқӣ будан(и)

логи́чный, -ая, -ое (логи́ч|ен, -на, -но) 1. мантиқӣ; ...и мантиқ; **~ вы́вод** хулосаи мантиқӣ 2. бомантиқ; **~ посту́пок** рафтори бомантиқ

ло́говище, ло́гово *с* 1. лона, хона; **во́лчье ~** хонаи гург 2. *перен.* лона; **ло́гово врага́** лонаи душман

логогри́ф *м* луғз

логопати́ческ||ий, -ая, -ое *мед.* ...и сақавӣ; **~ие явле́ния** зуҳуроти сақавӣ

логопа́тия *ж мед.* сақавӣ

логопе́д *м* логопед, мутахассиси логопедия

логопеди́ческ||ий, -ая, -ое логопедӣ, ...и логопедия; **~ое отделе́ние** шуъбаи логопедӣ

логопе́дия *ж* логопедия *(илми оид ба иллатии нутқ ваислоҳи он)*

ло́джия *ж* пешайвон

ло́дка *ж* қаиқ, заврақ; **па́русная ~** қаиқи бодбондор; **мото́рная ~** қаиқи мотордор; **подво́дная ~** киштии зериобӣ

ло́дочка *ж* 1. *уменьш. к* **ло́дка**; 2. *мн.* **ло́дочки** туфлии занона

ло́дочник *м* қаиқчӣ, завракчӣ, қаиқрон, завракрон

ло́дочн||ый, -ая, -ое қаиқӣ, завракӣ, ...и қаиқ, ...и завраҳ; **~ая при́стань** бандари қаиқҳо; **~ые го́нки** мусобиқаи қаиқронӣ

лоды́жка *ж* буҷули (буҷулаки) пой, шитолинг

ло́дырничанье *с (по знач. гл.* **ло́дырничать**) танбалӣ (коҳилӣ) кардан(и)

ло́дырничать *несов. разг.* танбалӣ (коҳилӣ) кардан

ло́дыр||ь *м разг.* танбал, коҳил, бекорхуҷа, бепарвофалак ◇ **~я гоня́ть** *прост.* дангосагӣ кардан, танбалӣ (бекорхуҷагӣ) кардан

ло́жа I *ж театр.* ложа, нишем, нишеман

ло́жа II *ж уст.* ташкилоти масонҳо, фаромушхона

ло́жа III *ж воен.* чуби милтиқ

ложби́на *ж* сой

ложби́нный, -ая, -ое ...и сой

ло́же I *с* 1. *уст. поэт.* ҷои хоб, бистар; **бра́чное ~** бистари арусу домод 2. маҷро, обраҳа; **~ реки́** маҷрои дарьё ◇ **прокру́стово ~** кати Прокруст *(дар асотири Юнони Қадим кати Прокруст ном деви роҳзан, ки роҳгузаронро зуран ба он кат мехобонд ва агар пояшон аз кат бароянд, мебурид ва агар нарасад, кашида ҷудо мекард; маҷозан ба маънои маҳаку меъёре, ки хилофи ҳаёт аст)*

ло́же II *с воен. см.* **ло́жа** III

ложево́й, -а́я, -о́е *уст.* ...и чуби милтиқ

ло́жечк||а *ж уменьш. к* **ло́жка** 1, 2 ◇ **под ~ой** меҳроби дил; чуқурии поёни сина; **под ~ой боли́т (сосёт, щеми́т)** меҳроби дилам дард мекунад

ло́жечник 1. қошуқтарош, қошуқсоз; қошуқфуруш 2. шақшақанавоз

ло́жечн||ый, -ая, -ое ...и қошуқ, ...и чумча; **~ое произво́дство** қошуқсозӣ

ложи́ться *несов. см.* **лечь** ◇ **хоть в гроб ложи́сь** замин сахт — осмон баланд

ло́жк||а *ж* 1. қошуқ, чумча; **столо́вая ~а** қошуқ; **ча́йная ~а** қошуқча; **разлива́тельная ~а** чойгардон, кафлес, чумча, қошуқи шурбокашӣ 2. як қошуқ, як чумча; **~а ма́сла** як қошуқ равған 3. *мн.* **ло́жки** *муз.* чумчақайроқ *(монанди шақшақаи чубин,*

ки дар мусиқӣ ва рақс кор фармуда мешавад) ◇ ~а дёгтю в бочку мёда *погов.* ≈ аз касофати як шум сузад шаҳри Рум; ни ~и, ни плошки на дегу на табақ; через час по чайной ~е *погов.* ~ уштурро бо кафлес об додагӣ барин

ложноклассици́зм *м уст. лит.* классицизми тақлидӣ

ложноклассúческий, -ая, -ое *уст. лит.* ...и классицизми тақлидӣ (сохта, қалбакӣ)

ло́жность *ж* дуруғӣ, дуруғ (бардуруғ) будан(и), сохта (қалбакӣ) будан(и); нодуруст (хато, ғалат) будан(и); ~ **слу́хов** дуруғии овозаҳо

ло́жн||ый, -ая, -ое (ло́ж|ен, -на, -но) 1. дуруғ, бардуруғ, қалбакӣ, сохта; **~ое показа́ние** гувоҳии бардуруғ; **~ая трево́га** бонги хатари бардуруғ 2. нодуруст, ғалат, хато, барғалат; **~ый вы́вод** хулосаи нодуруст 3. сохта, қалбакӣ, бардуруғ; **~ая скро́мность** хоксории сохта 4. *қисми таркибии номҳои баъзе организмҳои зинда, ботаники ва касалиҳо:* **~ая крапи́ва** *бот.* гиёҳи газнамонанд; **~ый круп** *мед.* гулузиндонаки қалбакӣ ◇ **~ое положе́ние** вазъияти ноҳинҷор (ноқулай); **в ~ом све́те ви́деть (представля́ть)** нодуруст дидан (тасаввур кардан); **идти́ по ~ому пути́** бо роҳи хато рафтан; **навести́ на ~ый след** ба роҳи ғалат андохтан, гумроҳ кардан

ложь *ж* дуруғ, кизб; **уличи́ть во лжи кого́-л.** дуруғгӯии касеро фош кардан ◇ **у лжи коро́ткие но́ги** *посл.* ≈ дуруғ фуруғ надорад

лоза́ *ж* 1. химча, нард; буттабед, химчаи бед 2. навда, тана; **виногра́дные ло́зы** навдаҳои ток

лози́на *ж разг. см.* **лоза́**

лози́нов||ый, -ая, -ое ...и химча, ...и навда, ...и буттабед; навдадор; **~ые кусты́** буттаҳои навдадор

лозня́к *м* бедзор // *собир.* химчаҳои (навдаҳои) бед

лознякóв||ый, -ая, -ое ...и буттабед; **~ые за́росли** бедзор // *(из лозняка)* ...и химчаҳои бед; **~ая и́згородь** тавораи химчаҳои бед

лозо́в||ый, -ая, -ое ...и химча, ...и навда, ...и химчаи бед, химчагӣ, навдагӣ, химчагин; ~ые кусты́ буттаҳои бед

ло́зунг *м* шиор; **под ~ом** *чего* дар таҳти шиоре; **провозгласи́ть (вы́бросить)** ~ даъват (эълон) кардан, шиор гуфтан (партофтан)

лозу́нговый, -ая, -ое ...и шиор, шиорӣ

локализа́ция *ж (по знач. гл.* **локализова́ть)** пешгирӣ, маҳдуд кардан(и), ба паҳншавӣ роҳ надодан(и); *(по знач. гл.* **локализова́ться)** маҳдуд шудан(и); ~ **пожа́ра** гирифтани пеши сухтор

локализи́ровать(ся) *сов., несов. см.* **локализова́ть(ся)**

локализова́ть *сов., несов. что* пешгирӣ кардан, паҳн шудан намондан, маҳдуд кардан; ~ **пожа́р** пеши сӯхторро гирифтан

локализова́ться 1. *сов., несов.* маҳдуд шудан, паҳн нашудан 2. *несов. страд.* маҳдуд карда шудан

лока́льность *ж* маҳаллӣ будан(и), маҳдуд будан(и)

лока́льн||ый, -ая, -ое (лока́|лен, -льна, -льно) маҳаллӣ, маҳдуд; **~ая война́** ҷанги маҳдуд

лока́тор *м тех.* локатор *(дастгоҳ барои муайян кардани мавқеи ҷисм ба воситаи мавҷҳои овоз ва радио)*

лока́ут *м полит.* локаут *(аз тарафи капиталистон баста шудани корхонаҳо ва ба тарзи оммавӣ аз кор холӣ карда шудани коргарон бо мақсади ин, ки онҳо аз талаботашон даст кашанд)*

локаути́ровать *сов., несов. что книжн.* локаут эълон кардан

локомоти́в *м* локомотив *(номи умумии паровоз, тепловоз ва электровоз, ки бо роҳи оҳан вагон мекашад)*

локомоти́вный, -ая, -ое локомотивӣ, ...и локомотив; ~ **свисто́к** ҳуштаки локомотив

ло́кон *м* зулф, ҳалқаи мӯй

ло́коть *м* 1. оринҷ 2. *уст.* оринҷ *(ченаки дарозӣ, ки тақрибан 0,5 м аст)* ◇ **чу́вство ло́ктя** ёрию мадад, мадади дустона; **куса́ть [себе́] ло́кти** даст бар сари зону задан *(аз пушаймонӣ)*; **бли́зок (бли́зко)** ~, **да не уку́сишь** *посл.* ≈ нон дар нондон, калидаш дар осмон

локтев||о́й, -а́я, -о́е: **~ая кость** *анат.* устухони соид; **~о́е сочлене́ние** *анат.* пайванди оринҷ

лом I *м (инструмент)* мисрон

лом II *м собир.* шикастапора, ғпора; **желе́зный** ~ оҳанпора

лома́ка *м, ж разг. пренебр.* одами сернозунуз, одами инҷиқ

ло́манный *прич.* (ломан, -а, -о) шикастагӣ, шикасташуда, пора кардашуда, вайрон кардашуда

ло́ман||ый, -ая, -ое 1. шикаста, вайрон; **~ые ве́щи** чизҳои шикаста; **~ое кре́сло** курсии шикаста 2. *(о речи, языке)* вайрон ◇ **~ая ли́ния** *мат.* хатти шикаста; **гроша́ ~ого не сто́ит** ба як пули сиёҳ (пучак) намеарзад; якпула чиз

ломанье *с (по знач. гл.* **лома́ть** 1) шикастан(и), кафондан(и), вайронкунӣ, харобкунӣ; *(по знач. гл.* **лома́ться** 3, 4) нозунуз, инҷиқӣ, мулоимхунукӣ, якравӣ

лома́ть *несов.* 1. *что* шикастан, кафондан; ~ **су́чья** шохро шикастан 2. вайрон (хароб) кардан, афтондан; аз кор баровардан; шикастан; ~ **сара́й** анборро вайрон кардан; ~ **замо́к** қуфлро вайрон кардан; ~ **игру́шки** бозичаҳоро шикастан 3. *кого прост.* маиб кардан; шал кардан; **медве́дь лома́л охо́тника** хирс шикорчиро маиб мекард 4. *что* кандан, канда гирифтан; ~ **ка́менную соль** намаксанг кандан 5. *что перен.* нест (нобуд) кардан, хароб намудан; бар бод додан; ~ **ста́рые усто́и** пояҳои замони кӯҳнаро нест кардан; ~ **хара́ктер** феълро дигар кардан 6. *что (язык)* вайрон кардан 7. *кого-что перен.* ваҷаррос задан; **меня всего́ лома́ет** *безл.* баданам ваҷаррос зада истодааст ◇ ~ **го́лову** *над чем* майна об кардан; ~ **дурака́** *прост.* 1) *(дурачиться)* бачагӣ кардан 2) *(делать глупости)* беақлӣ (аҳмақи) кардан; ~ **коме́дию** дуруягӣ (найрангбозӣ) кардан; ~ **ко́пья** бо ҳарорат баҳсу мунозира кардан; ҷанҷол намудан; ~ **ру́ки (па́льцы)** даст бар сар задан; ~ **спи́ну** араки ҷабин рехтан, кори вазнин кардан; ~ **спи́ну** *перед кем* гардан каҷ кардан, сар хам кардан; ~ **ша́пку** *перед кем* таъзим кардан, сар фуру овардан

лома||ться *несов.* 1. шикастан, кафидан, хароб шудан 2. *перен.* шикастан, вайрон шудан; **гра́фик** ~ется график вайрон мешавад 3. *(о характере, привычках и т. п.)* куллан дигар шудан; **его́ го́лос** ~ется овози вай куллан дигар шудааст *(дар бораи овози бача дар синни балоғат)* 4. нест (нобуд) шудан, бар бод рафтан; ~ются **предрассу́дки** хурофот нест мешавад 5. *перен.* нозунуз (инҷиқӣ, мулоимхунукӣ) кардан; якравӣ (саркашӣ) кардан 6. *страд.* шикаста шудан, вайрон (хароб) карда шудан; канда шудан; нобуд гардидан; бар бод дода шудан

ломба́рд *м* ломбард, гаравхона *(ҷое, ки чизҳоро ба муҳлати муайян гарав монда пул мегиранд)*

ломба́рдн||ый, -ая, -ое ломбардӣ, ...и ломбард; **~ый креди́т** қарзи ломбард; **~ая квитаиция** квитанцияи ломбард

ло́мберный, *-ая, -ое:* ~ **стол** мизи қартабозӣ

ло́мик *м уменьш. к* **лом** I

ломи́ть *несов.* 1. *что разг.* шикастан, кафондан, хам карда шикастан, зер карда рафтан; **гру́ши ло́мят су́чья** шохҳои дарахти нок аз серборӣ хам шудаанд 2. *разг.* зер карда даромадан, зада даромадан 3. *безл. что и без доп.* сахт дард кардан; **ло́мит но́ги** пойҳо сахт дард мекунанд

ломи́ться *несов.* 1. шикастан, кафидан, вайрон (хароб) шудан 2. пур (пуропур) будан, кафидан; **теа́тр ломи́лся от пу́блики** театр аз одам пуропур буд; **сундуки́ ло́мятся от вся́кого добра́** сандуқҳо аз ҳар хел мол мекафанд 3. хам (қат, паст) шудан; **ве́тви ло́мятся от плодо́в** шохҳои дарахт аз серборӣ хам шудаанд 4. *разг.* зер карда даромаданӣ шудан, зада даромаданӣ шудан; ~ **в ко́мнату** ба хона зада даромаданӣ шудан ◇ ~ **в откры́тую дверь** ширро сафед гуфтан

ло́мка *ж (по знач. гл.* **лома́ть** 1, 3, 4) шикастан(и), кафондан(и), вайрон кардан(и), хароб кардан(и), афтондан(и); ~ **ка́мня** шикастани (кафондани) санг; ~ **стены́** афтондани (вайрон кардани) девор; ~ **ста́рого бы́та** вайрон кардани ҳаёти кӯҳна

ло́мк||ий, -ая, -ое (лом|ок, -ка, -ко) 1. мурт, зудшикан; **~ая посу́да** зарфи мурт; **~ий лёд** яхи зудшикан 2. ларзон; **~ий го́лос** овози ларзон

ло́мкость *ж* 1. мурт будан(и) 2. лар-

зон будан(и); ~ гóлоса ларзон будани овоз

ломовик *м разг.* аробакаш

ломов||óй I, -áя, -óе **1.** боркаш, ёбу; **~áя лóшадь** 1) аспи ёбу (боркаш) 2) *перен.* борбардор, боркаш 2. *в знач. сущ.* **ломовóй** *м или* **ломовóй извóзчик** 1) (*кучер*) аробакаш 2) (*экипаж*) аробаи боркаш

ломов||óй II, -áя, -óе ...и шикаста, пора; **~óе железо** оҳанпора

ломонóс *м бот.* чинорак, девток

ломóта *ж разг.* дарди устухон

ломóтн||ый, -ая, -ое ...и дарди устухон; **~ая боль** дарди устухон, устухондард

ломóть *м* пора, порча, тикка, тилим; **~ хлéба** як порча нон ◇ **отрéзанный ~** 1) фарзанди аз оилаи падару модар ҷудошуда 2) ба сари худ шуда, паррончакшуда

лóмтик *м разг. уменьш. к* **ломóть**

лóнн||ый, -ая, -ое: **~ый бугорóк** *анат.* баландии (дунгичаи) устухони зери ноф; **~ое сращéние** *анат.* пайванди устухонҳои зери ноф

лóн||о *с* 1. *уст.* сина 2. *перен.* паноҳ оғуш 3. *перен.* сатҳ, рӯй, оғуш; **на ~е вод** дар сатҳи об; **тёмное ~о нóчи** оғуши торикии шаб ◇ **на ~е прирóды** дар оғуши табиат, дар ҳавои кушод

лопари *мн. уст.* лопарҳо; *см.* **саáми**

лóпастн||ый, -ая, -ое паррадор; **~ое колесó** чархи паррадор, паррачарх

лóпасть *ж* парра, паҳна, парраЧа (*нуги паҳн ва ҳамвори ягон чиз*); **~ зáступа** кафаки бел; **~ судовóго колесá** паррачархи киштӣ, парраи чархи киштӣ

лопáт||а *ж* бел ◇ **бородá ~ой** кулутариш, риши паҳн; **грести (загребáть) дéньги ~ой** пулро бо ҷоруб рӯфта гирифтан

лопáтк||а *ж* 1. *уменьш. к* **лопáта**; 2. *анат.* шона, белак ◇ **во все ~и** (бежать, гнать) бисьёр тез, бо тамоми қувват ва суръат (давидан, гурехтан); **положить (класть) на óбе ~и когó-л.** бар касе дастболо шудан, ғолиб омадан

лопáточный, -ая, -ое 1. ...и бел 2. белмонанд, белшакл; паррадор; **~ вентилятор** вентилятори паррадор 3. *анат.* ...и шона, ...и белак; **~ нерв** асаби шона

лопáтчат||ый, -ая, -ое 1. белмонанд, белшакл, паҳн; **~ый хрящ** *анат.* тағояки шона, тағояки белак; **~ый лист** барги паҳн 2. парранок, паррадор; **~ое колесó** чархи паррадор

лóпать *несов. что прост.* ҳайвонвор хӯрдан

лóпаться *несов. см.* **лóпнуть**

лóпн||уть *сов.* 1. кафидан; **стакáн ~ул** стакон кафид 2. канда шудан, кушода шудан; **верёвка ~ула** арғамчин канда шуд; **пóчки ~ули** муғҷаҳо кушода шуданд 3. (*о бомбах, гранатах и т. п.*) таркидан, кафидан, пора-пора шудан // (*надувшись, разорваться*) кафидан; **мы́льный пузы́рь ~ул** хубоби собун кафид 4. *разг.* шикаст хурдан, шикастан; **банк ~ул** банк шикаст ◇ **~и [мой] глазá** *прост.* кур шавам, ки...; **хоть ~и** *прост.* мурӣ ҳам...; **~уть сó смеху** аз ханда рудакан шудан; **терпéние ~уло** тоқат тоқ шуд, косаи сабр лабрез шуд; **он чуть не ~ул от зáвисти** у аз ҳасад кариб буд, ки ҷонаш барояд

лопотáнье *с* (*по знач. гл.* **лопотáть**) ғурунг-ғурунг, ғиринг-ғиринг

лопотáть *несов. что и без доп. разг.* нимғурма гап задан, ғур-ғур кардан

лопоýхий, -ая, -ое (лопоух, -а, -о) 1. *разг.* гушдароз, шалпаргуш, лавгуш 2. *прост.* аҳмақнамо, даҳаньяла, каллаварам

лопýх *м бот.* 1. мушхор; эзорчаспак (*алафи бегона*) 2. барги мушхор

лопухóвый, -ая, -ое ...и мушхор; **~ лист** барги мушхор

лопушист||ый, -ая, -ое (лопушист, -а, -о) *разг.* мушхормонанд, паҳнбарг; **~ая травá** алафи мушхормонанд

лопýшник *м обл. см.* **лопýх**

лорд *м* лорд (1. *унвони олии дворянӣ дар Англия* 2. *унвони ходимони олии давлатӣ дар Англия*); **палáта ~ов** палатаи лордҳо

лорд-кáнцлер *м* лорд-канцлер (*раиси палатаи лордҳо ва мансабдори суди олии Англия*)

лорд-мэр *м* лорд-мэр (*сардори муниципалитети Лондон ва баъзе шаҳрҳои дигари Англия*)

лорéтка *ж уст.* занаки сабукпо

лорнéт *м* лорнет, айнаки дастӣ

лорнéтка *ж уст. разг. см.* **лорнéт**

лорнировать *сов., несов. кого-что уст.* бо лорнет нигоҳ кардан

лосёв||ый, -ая, -ое ...и шоҳгавазн; **~ая шкýра** пусти шоҳгавазн

лосёнок *м* гусолаи шоҳгавазн

лосина *ж* 1. пӯсти шоҳгавазн 2. *мн.* **лосины** *уст.* шалвори ҳарбии пустигавазнӣ 3. (*мясо*) гушти шоҳгавазн

лосиный, -ая, -ое *см.* **лосёвый**

лосиха *ж* шоҳгавазни мода

лоск *м* 1. пардоз, тобиш, ҷило, сайқал, ялтос 2. *перен.* оро-торо, зебу зинат ◇ **в ~** *прост.* 1) тамоман, бутун; **износить брюки в ~** шимро пушида тамоман кухна кардан 2) бисьёр сахт, аз ҳад зиёд; **пьяный в ~** масти лояъқал

лоскýт *м* (*мн.* **лоскуты** *и* **лоскýтья**) қурок, малофа, латтапора, резгӣ; чармпора; **одеяло из ~óв (~ьев)** курпаи қурок // (*мн.* **лоскýтья**) (*лохмотья*) ҷиғда-ҷиғда, ҷулхундӣ

лоскýтн||ый, -ая, -ое ...и қурок, қуроқин; **~ое одеяло** кӯрпаи қурок; **~ый кóврик** гилемчаи қуроқин; **~ый ряд** *ист.* растаи малафафурушӣ

лосн||иться *несов.* ялтос (ялаққос) задан; **шёлк ~ится** шоҳӣ ялаққос мезанад

лососёвый, -ая, -ое 1. ...и озодмоҳӣ; **~ косяк** селаи озодмоҳӣ; **~ завóд** заводи парвариши озодмоҳӣ 2. *в знач. сущ.* **лососёвые** *мн. зоол.* озодмоҳиҳо

лососина *ж* гушти озодмоҳӣ

лососиный, -ая, -ое ...и озодмоҳӣ

лóсóсь *м* озодмоҳӣ

лось *м* шоҳгавазн

лосьóн *м* лосьон, оби мушкин

лосятина *ж* гушти шоҳгавазн

лосятник *м* 1. оғили шоҳгавазн 2. шикорчии шоҳгавазн

лот I *м мор.* лот (*асбоб барои санҷиши умқи баҳр*)

лот II *м уст.* (*мера веса*) лот (*воҳиди вазн дар Россия, ки ба 12,8 грамм баробар буд*)

лотерéйный, -ая, -ое лотереягӣ, ...и лотерея; **~ билéт** билети лотерея

лотерé||я *ж* лотерея; **беспрóигрышная ~я** лотереяи бебохт; **вы́играть в ~ю** аз лотерея бурдан

лоткóвый, -ая, -ое *см.* **лотóчный**

лотó *с нескл.* лото (*навъи бозӣ*)

лоток *м* 1. қуттии дастакифурӯш 2. дукончa 3. нова 4. дул

лóтос *м бот.* нилуфар

лóтосовый, -ая, -ое *бот.* нилуфарӣ, ...и нилуфар; **~ стéбель** пояи нилуфар

лотóчник *м* резаворфуруш, дастакифуруш

лотóчн||ый, -ая, -ое ...и резаворфурушӣ, ...и дастакифурушӣ; **~ая торгóвля** вофурушӣ

лох *м бот.* санҷид, ҷигда

лохáнка *ж см.* **лохáнь** ◇ **пóчечная ~** *анат.* ҳавзаки гурда

лохáнный, -ая, -ое ...и тағора, ...и тос, ...и лаган

лохáночный, -ая, -ое ...и тағора, тағорагӣ, ...и тос, ...и лаган

лохáнь *ж* тағора, тос, лаган

лохмáтить *несов. кого-что разг.* титу парешон кардан, фаххас занондан, жӯлида кардан, пахмоқ кардан; **~ вóлосы** мӯйро титу парешон кардан, мӯйро фаххас занондан

лохмáтиться *несов.* 1. титу парешон шудан, фаххас задан, жулида шудан 2. *страд.* тит (фах, жӯлида) карда шудан

лохмат||ый, -ая, -ое (лохмáт, -а, -о) 1. жулидамуй, парешонмуй, сермӯй, серпашм; **~ый пёс** саги сермуй; **~ая шáпка** кулоҳи пахмоқ; **~ое полотéнце** сачоқи серпат 2. жулидамӯй, пахмоқмуй, сермуй; **~ая головá** сари жулидамуй 3. *перен.* (*о растениях*) зич, сершоху барг; **~ые вётлы** бедҳои сершоху барг 4. *перен.* (*об облаках, тумане и т. п.*) пармонанд

лохмáч *м прост.* жулидамуй, пахмоқмуй, серпашм

лохмóтник *м уст.* жандапуш, ҷулхундипуш; гадой, оворагард

лохмóтья *тк. мн.* жанда (ҷанда), либоси дарида, либоси ҷиғда-ҷиғда, ҷулхундӣ; **нищий в ~х** гадои ҷулхундипуш

лóхмы *тк. мн. прост.* муи парешон (пахмоқ, бетартиб); пашми жулида

лóховый I, -ая, -ое 1. ...и дарахти санҷид, ...и дарахти ҷигда; **~ стебель** танаи санҷид 2. *в знач. сущ.* **лоховые** *мн. бот.* санҷидиҳо

лóция *ж* лоция (1. *дастури киштиронӣ* 2. *илми киштиронӣ*)

лóцман *м* лоцман (1. *мор.* ѳббалад, обдон, роҳнамои киштӣ 2. *зоол.* моҳии

хурде, ки аз паси киштӣ, акула ва дигар моҳиҳои калон мегардад)

лоцманск||ий, -ая, -ое *мор.* лоцманӣ, ...и лоцман; **~ая должность** вазифаи лоцманӣ

лоцманство *с мор.* лоцманӣ, касби лоцман

лошадин||ый, -ая, -ое 1. аспӣ, ...и асп; **~ая грива** ёли асп; **~ая сбруя** афзоли асп 2. аспмонанд, аспнамуд, аспшакл // *разг.* асп барин боқувват; **у него ~ое здоровье** вай асп барин боқувват аст 3. *в знач. сущ.* **лошадиные** *мн. зоол.* аспиҳо ◇ **~ая доза** миқдори хеле зиёд; **~ая сила** *физ.* қувваи асп *(воҳиди ченаки иқтидор)*

лошадка *ж уменьш.-ласк. к* **лошадь**

лошадник *м разг.* 1. *(любитель лошадей)* аспбоз, ишқбози асп 2. *(торговец лошадьми)* аспчаллоб

лошад||ь *ж* асп; **ехать на ~ях** аспсавор рафтан; **верховая ~ь** аспи саворӣ; **беговая ~ь** аспи пойга; **рабочая ~ь** аспи корӣ

лошак *м* хачир

лошачий, -ья, -ье ...и хачир

лощение *с (по знач. гл.* **лощить**) пардоздиҳӣ, суфта кардан(и), ялаққосӣ кардан(и)

лощёный (лощ|ён, -ена, -ено) *прич.* пардоз (сайқал) додашуда

лощён||ый, -ая, -ое 1. мӯҳрадор, суфта, ялаққосӣ; **~ая бумага** коғази мухрадор 2. *перен.* олуфта

лощильн||ый, -ая, -ое ...и пардоз, ...и пардоздиҳӣ; **~ая машина** мошини пардоз

лощина *ж* сой, чарӣ

лощить *несов. что* 1. *уст.* пардоз кардан (додан) 2. мухра задан, суфта (ялаққосӣ) кардан; **~ бумагу** коғазро мухра задан

лощиться *несов. страд.* пардоз (суфта) карда шудан

лояльность *ж* 1. риояи қонун, мувофиқи қонун будан(и) 2. боодобӣ, дурусткорӣ

лояльный, -ая, -ое (лоя|лен, -льна, -льно) 1. риоякунандаи қонун, ба қонун мувофиқ 2. хушмуомила, боодоб(она), дурусткор(она)

луб *м* лифи дарахт

лубковый, -ая, -ое ...и лифи дарахт; **~ короб** сабади лифи дарахт

лубов||ой, -ая, -ое лифӣ, ...и лиф; **~ые волокна** ғози (тори, нахи) лиф

лубок *м* 1. *см.* луб; 2. *мед.* тахтача, тахтачабанд; **наложить ~** тахтачабанд кардан 3. тахтачаи нақшини зерфун 4. сурати омиёна 5. *лит.* адабиёти омиёна

лубочн||ый, -ая, -ое 1. *см.* **лубковый**; 2. омӣ, омиёна; **~ые картинки** расмҳои омиёна 3. *лит.* омиёна, омӣ; **~ая литература** адабиёти омиёна

лубян||ой, -ая, -ое 1. *см.* **лубковый**; 2. лифдор, нахдор; **~ые культуры** растаниҳои лифдор

луг *м* чаман, марғзор, алафзор; чарогоҳ; **зелёный ~** марғзори кабуд; **альпийские ~а** марғзорҳои Алп

луговина *ж разг.* чамани (марғзори, алафзори) хурд

луговод м марғзорпарвар

луговодство *с* марғзорпарварӣ

лугов||ой, -ая, -ое 1. чаманӣ, марғзорӣ, алафзорӣ, ...и чаман, ...и марғзор, ...и алафзор; **~ой мотылёк** шапалаки марғзор; **~ая дорожка** пайроҳаи чаман 2. ...и чамандорӣ, ...и марғзорпарварӣ, ...и марғзор; **~ое хозяйство** хоҷагии чамандорӣ

лугомелиоративный, -ая, -ое ...и мелиорацияи чаман (марғзор, алафзор)

лугомелиорация *ж* мелиорацияи чаман (марғзор, алафзор)

луда *ж* доруи сафедгарӣ (сафедкорӣ)

лудильн||ый, -ая, -ое ...и доруи сафедгарӣ; **~ый мастер** устои сафедгар; **~ые работы** сафедгарӣ

лудильщик *м* сафедгар *(устои сафедкунандаи чизҳои металлӣ)*

лудить *несов. что* сафедкорӣ кардан

лудиться *несов. страд.* сафедкорӣ шудан

луж||а *ж* кулмак; **грязная ~а** кулмаки лойолуд ◇ **сесть в ~у** расво (шарманда) шудан

лужайка *ж* чаман, марғзор, алафзор

лужение *с (по знач. гл.* **лудить**) сафедгарӣ, сафедкорӣ

лужёный *прич.* (луж|ён, -ена, -ено) сафедкорӣ кардашуда

лужён||ый, -ая, -ое сафед, сафедшуда; **~ый котёл** деги сафед ◇ **~ая глотка** *прост.* 1) одами серғавғо 2) арақхури гузаро

лужица *ж уменьш. к* **лужа**

лужицкий, -ая, -ое ...и лужицагиҳо

лужичане *мн.* лужицагиҳо *(халқи славянӣ дар РДГ)*

лужичанин *м* лужицагӣ; *см.* **лужичане**

лужичанка *ж* лужицагизаи, лужицагидухтар; *см.* **лужичане**

лужок *м уменьш.-ласк. к* **луг**

луз||а *ж* турхалтаи бильярд; **загнать шар в ~у** саққои бильярдро ба турхалта даровардан

лузга *ж собир.* пучок, қишр; **~ подсолнечника** пучоки донаи офтобпараст

лузгать *несов. что прост.* бо дандон шикаста хурдан; **~ семечки** дона (семичка) хурдан; **~ орехи** чормағз шикаста хурдан

луидор *м* луидор *(пули тиллои Франция дар асрҳои миёна)*

лук I *м (растение)* пиёз; **репчатый ~** бехпиёз

лук II *м (оружие)* камон, камонғулак; **стрелять из ~а** аз камон тир паррондан

лука *ж* 1. хамгашт, каҷӣ; **~ реки** хамгашти дарьё 2. *(у седла)* қоши зин

лукавец *м разг.* маккор, ҳилагар, айёр, фиребгар

лукавинка *ж разг.* андак маккорӣ (ҳилагарӣ, фиребгарӣ)

лукавить *несов.* маккорӣ (ҳилагарӣ, айёрӣ, фиребгарӣ) кардан

лукаво *нареч.* ҳилаомезона, айёрона, бо фиребу найранг; шухиомез ◇ **не мудрствуя ~** худро гаранг накарда

лукавость *ж см.* **лукавство** 2; **~ взгляда** бозии назар (чашм)

лукавство *с* 1. маккорӣ, ҳилагарӣ, айёрӣ, фиребгарӣ; **~ врага** маккории душман 2. шухӣ, назарбозӣ; **женское ~** карашмаи занона

лукавствовать *несов. уст. см.* **лукавить**

лукав||ый, -ая, -ое (лукав, -а, -о) 1. маккор(она), ҳилагар(она), айёр(она); **~ый человек** одами маккор 2. шӯх; **~ая улыбка** табассуми шӯх 3. *в знач. сущ.* **лукавый** *м прост.* шайтон; **~ый попутал** шайтон васваса кардааст, шайтон аз роҳ баровардааст

луковица *ж* 1. *бот.* бех; **~ тюльпана** бехи лола 2. *(головка лука)* бехпиёз, пиёз 3. *анат.* реша; **~ волоса** решаи мӯй 4. *архит.* гунбази калисо 5. *уст.* соати қадими кисагӣ

луковичка *ж уменьш.-ласк. к* **луковица** 1, 2

луковичн||ый, -ая, -ое 1. пиёзӣ, ...и пиёзбех; **~ые растения** *то же, что* **луковичные**; 2. *в знач. сущ.* **луковичные** *мн. бот.* пиёзиҳо 3. *архит.* пиёзшакл, пиёзмонанд; **~ый купол** гунбази пиёзшакл

луковка *ж* 1. *уменьш. к* **луковица** 1, 2; 2. *разг. см.* **луковица** 4, 5

луков||ый, -ая, -ое ...и пиёз, пиёзин; **~ый запах** буи пиёз; **~ый суп** пиёзшурбо, пиёба ◇ **горе ~ое** *шутл.* ноуҳдабаро, ношуд

лукоморье *с уст.* халиҷи баҳр

лукошко *с* сабад, сабадча

лукуллов, -а, -о, **лукулловский**, -ая, -ое бошукуҳ, пурҳашамат, осмонкаф, ҷамшедӣ; **лукуллов пир** базми ҷамшедӣ

лун||а *ж* 1. моҳ, маҳ, қамар; **полная ~а** бадр, моҳи пурра; **диск ~ы** курси моҳ; **серп ~ы** ҳилол, моҳи нав; **полёт на Луну** сафари Моҳ; **~а взошла** моҳ баромад 2. *астр. (спутник планеты)* радиф, ҳамроҳи сайёра ◇ **как с ~ы свалился** гуё ки аз осмон афтида бошад

луна-парк *м* чорбоғи тамошо

луна-рыба *ж зоол.* маҳмоҳӣ *(моҳии калони баҳрӣ)*

лунатизм *м мед.* моҳпарвин *(беморие, ки одам ҳангоми хоб бедор нашуда аз ҷояш бархеста роҳ меравад)*

лунатик *м* шабгард

лунатический, -ая, -ое ...и шабгард

лунка *ж* 1. чуқурча 2. *анат.* дандонхонаи ҷоғ

лунн||ый, -ая, -ое ...и моҳ, маҳтобӣ, қамарӣ; **~ый свет** моҳтоб, рушноии моҳ; **~ое затмение** гирифти моҳ; **~ый год** соли қамарӣ; **~ая ночь** маҳтобшаб ◇ **~ый камень** *мин.* санги қамарӣ, моҳсанг, ҳаҷарулқамар

луночка *ж уменьш. к* **лунка**

луночный, -ая, -ое ...и чуқурча; **~ посев дуба** *с.-х.* чуқурча кофта шинондани булут

лунь *м зоол.* шабкара ◇ **седой как ~** мӯйсафед

лупа *ж* лупа, пурбин, шишаи муҳаддаб

лупить *несов. прост.* 1. *что* аз пӯст баровардан, пуст кандан, муқашшар

кардан; ~ **яйцо** пусти тухмро кандан 2. *кого* задан, лат додан, куфтан; ~ **как сидорову козу** мурданивор (берахмона) задан 3. *что и без доп. прост.* қимат фурухтан, пуст кандан, ғорат кардан; ~ **втридорога** ғорат кардан 4. *употр. вместо какого-л. глагола для обозначения действия, производимого с особой силой:* **дождь так и лупил** борон ҳай мезад; ~ **в дверь** дарро сахт кӯфтан ◇ ~ **глаза** чашмро ало кардан

лупиться *несов.* 1. пуст партофтан, пуст додан; **кожа лупится** пуст хеста ҷудо мешавад 2. рехтан, шурхок шуда рехтан; **штукатурка лупится** андоваи девор мерезад 3. *страд.* пуст хеста ҷудо шудан, муқашшар карда шудан

лупка *ж разг. см.* **лупление**

лупление *с* (*по знач. гл.* **лупить** 1) аз пӯст баровардан(и), пуст кандан(и), муқашшар кардан(и)

лупоглазый, -ая, -ое (лупоглаз, -а, -о) *прост.* алочашм, чашмҷаста

лупцевание *с см.* **лупцовка**

лупцевать *несов. кого прост.* задан, лат додан, шатта задан

лупцовка *ж* (*по знач. гл.* **лупцевать**) задан(и), лат додан(и), шаттазанӣ

лӯры *мн.* лурҳо (*халқе дар ҷануби Эрон*)

луч *м* 1. шуоъ, нур, зиё; ~ **солнца** шуои офтоб; **испускать** ~**й** шуоъ афкандан, нур пошидан 2. *мн.* **лучи** *физ.* нурҳо, шуоъҳо; **тепловые** ~**й** шуоъҳои ҳарорат; **рентгеновские** ~**й** шуоҳои рентгенӣ ◇ ~ **надежды** нури умед

лучев||**ой,** -ая, -ое 1. *физ.* ...и шуоъ, ...и нур; ~**ая энергия** энергияи шуоъ 2. шуоъмонанд, шуоъосо; ~**ые просеки** хатҳои шуоъосо ◇ ~**ая болезнь** беморин шуоъ (*аз таъсири нурҳои радиоактив*); ~**ая кость** *анат.* устухони борики банди даст

лучезарность *ж* тобон будан(и), дурахшонӣ, партавафканӣ, нурпошӣ

лучезарн||**ый,** -ая, -ое (лучезар|ен, -на, -но) *прям., перен.* тобон, дурахшон, мунаввар; ~**ое солнце** хуршеди тобон; ~**ое будущее**ояндаи дурахшон; ~**ые очи** чашмони рахшон

лучеиспускание *с физ.* шуоъафканӣ, нурпошӣ

лучеиспускательный, -ая, -ое *физ.* шуоъпош, нурпош, нурафкан

лучеобразн||**ый,** -ая, -ое (лучеобраз|ен, -на, -но) шуоъосо, нурмонанд; ~**ое расположение улиц** шуоъосо воқеъ будани кучаҳо

лучепреломление *с физ.* инкисори шуоъ, шикастани шуоъ

лучин||**а** *ж* 1. *тж. собир.* пешдаргирон, параха; **нащепать** ~**ы для растопки** барои гирондани оташ параха (пешдаргирон) тайёр кардан 2. *уст.* (*для освещения избы*) чароғи сиёҳ (*чӯбчаи борики хушк, ки дар Россияи тореволюционӣ дар хонаҳои деҳқонон ба ҷои чароғ дармегиронданд*)

лучинка *ж см.* **лучина**

лучинушка *ж фольк. ласк. к* **лучина** 2

лучистость *ж* тобонӣ, дурахшонӣ

лучист||**ый,** -ая, -ое (лучист, -а, -о) 1. нурафкан, тобон, дурахшон, мунаввар; ~**ые звёзды** ситораҳои тобон // *перен.* (*о глазах*) рахшон, тобон, дурахшон 2. дурахшон, тобон; ~**ые снежинки** заррахои дурахшони барф 3. *физ.* ...и шуоъ, ...и нур; ~**ая энергия** энергияи шуоъ; ~**ая теплота** ҳарорати шуоъ

лучить *несов. кого рыб.* шабона бо машъал (чароғ) моҳӣ гирифтан

лучиться *несов.* 1. шуоъ додан, партав афкандан, дурахшидан // *перен.* (*о глазах*) рахшон шудан, тобидан, дурахшидан 2. (*расходиться лучами*) шуоъвор пароканда шудан

лучков||**ый,** -ая, -ое камоншакл, камонакдор, камондор; ~**ая пила** аррам камоншакл

лучник *м ист., спорт.* камонвар

лучок I *м ласк. к* **лук** I

лучок II *м* 1. *уменьш. к* **лук** II; 2. *охот.* чапарак (*навъи дом барои доштани паррандагон*)

лучше 1. *сравн. ст. к* **хороший** *и к* **хорошо**; **старый друг** ~ **новых двух** *посл.* як дусти дерина беҳтар аз ду дусти нав; ~ **поздно, чем никогда** *погов.* ≈ дер ояд, шер ояд 2. *в знач. сказ. безл. кому* беҳ аст, беҳтар аст; **мне** ~ аҳволам (саломатиам) беҳтар шуд 3. *в знач. выдел.-огранич. частицы* беҳтар; ~ **не спрашивай** беҳтараш ин ки напурсӣ 4. *в знач. вводн. сл.* дурусттар, нағзтар ◇ ~ **сказать** *вводн. сл.* беҳтараш ин ки..., ҳатто, дурусттараш; **как можно** ~ ҳар чи беҳтар; **тем** ~ боз беҳтар; **чем скорей, тем** ~ ҳар қадар тезтар бошад, ҳамон қадар беҳтар; ~ **меньше, да** ~ кам бошаду соз бошад

лучш||**ий,** -ая, -ее 1. *сравн. ст. к* **хороший**; **ждать** ~**их дней** мунтазири рӯзҳои нек будан 2. *превосх. ст. к* **хороший**; ~**ий ученик** талабаи беҳтарин // *в знач. сущ.* **лучший** *м*, **лучшая** *ж*, **лучшее** *с* беҳтарин, беҳтар; ~**ий из** ~**их** беҳтарини беҳтаринҳо; **за неимением** ~**его** азбаски беҳтараш набуд; **всё изменилось к** ~**ему** кор рӯ ба некӣ ниҳод ◇ **всего** ~**его** хайр, то дидан(а), хуш бош(ед); **оставляет желать** ~**его** чандон нағз не, хуб нест; **в** ~**ем случае** агар ба некиаш (хубиаш) гирем; **в** ~**ем случае работа будет закончена через неделю** агар ба некиаш гирем, кор баъд аз як ҳафта анҷом меёбад

лущёвка *ж* (*по знач. гл.* **лущить** 2) ковок (нарм) кардан(и)

лущение *с* (*по знач. гл.* **лущить**) пусткани, муқашшаркунӣ; газида шикастан(и); ковок (нарм) кардан(и)

лущённый *прич.* (лущ|ён, -ена, -ено) пӯст кандашуда, муқашшар кардашуда; ковок (нарм) кардашуда

лущёный, -ая, -ое 1. пусткандa, муқашшар; ~ **горох** нахӯди муқашшар 2. *с.-х.* ковок, нарм (*оид ба замин*)

лущильник *м с.-х.* мошини заминнармкунӣ

лущильн||**ый,** -ая, -ое 1. муқашшаркунанда; ~**ая машина** мошини муқашшаркунанда 2. *с.-х.* заминнармкунанда

лущить *несов. что* 1. муқашшар кардан // (*разгрызать*) газида шикастан 2. *с.-х.* ковок (нарм) кардан (*хокро*)

лущиться *несов.* 1. муқашшар шудан 2. *страд.* муқашшар карда шудан; шикаста шудан; ковок (нарм) карда шудан

лыж||**и** *мн.* (*ед.* **лыжа** *ж*) лыжа; **беговые** (**гоночные**) ~**и** лыжаи тездавӣ; **водные** ~**и** лыжаи обӣ; **горные** ~**и** лыжаи кӯҳнавардӣ; **роликовые** ~**и** лыжаи чархдор; **охотничьи** ~**и** лыжаи шикорӣ; **туристские** ~**и** лыжаи туристӣ; **ходить на** ~**ах** бо лыжа гаштан ◇ **навострить** ~**и** *прост.* рафтанӣ (гурехтанӣ) шудан; **направить** ~**и** *куда прост.* равона шудан

лыжина *ж разг.* лыжа (*яктоаш*)

лыжник *м* лыжатоз, лыжагард

лыжн||**ый,** -ая, -ое ...и лыжа, ...и лыжатозӣ; ~**ая база** пойгоҳи лыжатозӣ; ~**ые ботинки** пойафзоли лыжатозӣ; ~**ая гонка** мусобиқаи лыжатозӣ; ~**ые крепления** побандаки лыжа; ~**ая куртка** либоси лыжатозӣ; ~**ая фабрика** фабрикаи лыжасозӣ

лыжня *ж* изи лыжа

лык||**о** *с* лифи дарахт ◇ ~**а не вяжет** *прост.* масти лояъқил; **не** ~**ом шит** *прост.* одами аноӣ не; **не всякое** ~**о в строку** *погов.* ≈ ҳар хатои хурдро гуноҳ (айб) шумурдан раво нест

лыков||**ый,** -ая, -ое лифӣ, ...и лифи дарахт; ~**ые лапти** чоруқи лифӣ

лысе||**ть** *несов.* одамсар шудан, тос шудан; **он** ~**ет** сари вай тос шуда истодааст

лысина *ж* 1. (*у человека*) тосии сар 2. (*белое пятно на лбу животного*) қашка

лысуха *ж зоол.* гавдара

лыс||**ый,** -ая, -ое (лыс, -а, -о) 1. одамсар, муйрехта, бемуй, сартос 2. *перен.* луч, урьён, бедолу дарахт; ~**ая гора** кӯҳи урьён ◇ **чёрта** ~**ого** *прост.* хобатро ба об гуй; хестӣ, ки хобат

лычко *с* 1. *уменьш.-ласк. к* **лыко**; 2. *мн.* **лычки** *прост.* тасмаи погон

ль *см.* **ли**

львёнок *м* шербача, бачаи шер

львин||**ый,** -ая, -ое 1. ...и шер; ~**ая шкура** пусти шер 2. *перен.* шермонанд; ~**ая сила** шербозу ◇ ~**ая грива** мӯи ғулӣ; ~**ая доля (часть)** ҳиссаи бузург, қисми хубтарин; ~**ый зев** *бот.* аждардаҳон, гули хандон

львица *ж* 1. шери мода, модашер 2. *перен. уст. и ирон.* занаки мардбоз

льгота *ж* имтиёз, сабукӣ; **пользоваться** ~**ми** имтиёз доштан

льготность *ж* имтиёзнокӣ, сабукӣ, имтиёзнок будан(и)

льготн||**ый,** -ая, -ое (льгот|ен, -на, -но) имтиёзӣ, имтиёзнок, ...и сабукӣ, ...и имтиёз; ~**ый билет** билети имтиёзнок; **на** ~**ых условиях** бо шартҳои имтиёзнок

льдина *ж* яхпора, пораи калони ях

льдинка *ж уменьш. к* **льдина**

льдист||ый, -ая, -ое яхбаста, яхдор; **~ая вершина** куллаи яхбаста

льдо: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ях»*: **льдозавод** заводи ях; **льдодробилка** яхмайдакунак

лье *с нескл.* лье *(андозаи дарозии қадими Франция, ки тақрибан ба 4,5 км баробар аст)*

льзя *нареч. уст.* мумкин, мумкин аст

льно: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «катон» ва «зағир»*: **льносемя** тухми зағир; **льноводство** зағиркорӣ, зағирпарварӣ

льновод *м* мутахассиси зағиркорӣ, зағирпарвар

льноводный, -ая, -ое *см.* **льноводческий**

льноводство *с* зағиркорӣ, зағирпарварӣ

льноводческ||ий, -ая, -ое зағиркор, ...и зағиркорӣ, ...и зағирпарварӣ; **~ий район** райони зағиркор(ӣ); **~ое хозяйство** хоҷагии зағирпарварӣ

льноволокно *с* нахи (лифи) зағирпоя

льнозавод *м* заводи зағир

льнокомбайн *м* комбайни зағир

льномолотилка *ж* мошини зағиркубӣ

льномялка *ж* мошини зағирпоятиткунӣ

льноочистительный, -ая, -ое зағиртозакунанда, ...и зағирпоятозакунӣ

льнопоставки *мн.* (*ед.* **льнопоставка** *ж*) зағирсупорӣ, зағирпоясупорӣ

льнопрядилка *ж см.* **льнопрядильня**

льнопрядильн||ый, -ая, -ое катонрес, ...и катонресӣ; **~ая фабрика** фабрикаи катонресӣ

льнопрядильня *ж* фабрикаи катонресӣ

льносемя *с* тухми зағир

льносеменоводство *с* парвариши зағири тухмӣ

льносовхоз *м* совхози зағирпарварӣ (зағиркор)

льнотеребилка *ж* мошини зағирпояканӣ

льнотеребильн||ый, -ая, -ое ...и зағирпояканӣ; **~ая машина** мошини зағирпояканӣ

льнотрепалка *ж* мошини ҳаллоҷии зағирпоя

льнотрепальн||ый, -ая, -ое ...и ҳаллоҷин зағирпоя; **~ая машина** мошини ҳаллоҷии зағирпоя

льноуборочн||ый, -ая, -ое ...и зағирдаравӣ; **~ые машины** мошинҳои зағирпояғундорӣ (зағирдаравӣ)

льночесалка *ж* мошини наддофии зағирпоя

льночесальн||ый, -ая, -ое ...и наддофии зағирпоя; **~ая машина** мошини наддофии зағирпоя

льну||ть *несов. к кому-чему* 1. часпидан; **ребёнок испуганно ~л к матери** кӯдак ҳаросон ба модараш мечаспид; **побеги вьюнка ~ли к стволу дерева** навдаҳои ошиқпечон бар танаи дарахт мечаспиданд 2. *перен.* наздикӣ ҷустан

льнянка *ж бот.* китобӣ

льнян||ой, -ая, -ое, 1. зағири, ...и зағир; **~ой стебель** пояи зағир; **~ое поле** киштзори зағир(поя); **~ое масло** равғани зағир 2. катонӣ, ...и катон; **~ые ткани** матоъҳои катонӣ; **~ая промышленность** саноати катонресӣ 3. *(о волосах)* маллатоб

льстец *м* хушомадгӯй, чоплус, тамаллуқкор, тамаллуқгӯ

льстивость *ж* хушомадгӯӣ, чоплусӣ, тамаллуқ

льстив||ый, -ая, -ое (льстив, -а, -о) хушомадгӯй, чоплус(она); **~ый человек** одами хушомадгӯй; **~ые слова** гапҳои чоплусона

льсти||ть *несов.* 1. *кому и без доп.* хушомадгӯӣ (чоплусӣ, дуруягӣ, тамаллуқ) кардан; **он ~т тебе** вай ба ту хушомадгӯӣ мекунад 2. *кому-чему* форидан, писанд омадан, маъқул шудан; **мне ~т такой отзыв** чунин фикру мулоҳиза ба ман писанд меояд ◇ **~ть себя надеждой** *уст.* умедвор будан, умед бастан

льститься *несов. уст.* 1. *на кого-что и кем-чем* ба васвасаи *чизе* афтидан, фирефта шудан 2. *с неопр.* умедвор шудан, умед бастан ◇ **~ надеждой** *уст.* умедвор будан, умед бастан

льяло *с* 1. *тех.* қолиб *(барои рехтани металл)* 2. *мор.* нова *(дар деворан киштӣ)*

льячка *ж тех.* дӯлчаи рехтагарӣ

люб, -а, -о *в знач. сказ. кому уст. и фольк.* азиз (дилхоҳ, маҳбуб, маъқул) аст; **он мне ~** вай ба ман азиз аст; **мне ~ы народные песни** ба ман сурудҳои халқӣ маъқул(анд)

люба *ж фольк.* маҳбуба, маъшуқа

любвеобильность *ж* ишқандешӣ

любвеобильный, -ая, -ое ишқандеш, ишқпеша, сермеҳр

любезник *м уст. разг.* занакабоз

любезничанье *с* (*по знач. гл.* **любезничать**) изҳори меҳрубонӣ (илтифот) кардан(и); илтифоткорӣ; такаллуф кардан(и)

любезничать *несов. разг.* меҳрубонӣ (илтифот) кардан; такаллуф кардан

любезност||ь *ж* 1. навозиш, меҳрубонӣ, дустдорӣ, илтифот; **отличаться ~ью** боилтифот будан 2. *чаще мн.* **любезности** суханони пурилтифот; **говорить ~и** суханони пурилтифот гуфтан

любези||ый, -ая, -ое (любез|ен, -на, -но) 1. навозишкор, меҳрубон(она), дустдор, пурилтифот; **оказать ~ый приём** меҳрубонона пазируфтан; **он всегда любезен** у ҳамеша меҳрубон аст 2. *уст.* азиз, муҳтарам; **~ый друг** рафиқи азиз; **~ый читатель** хонандаи муҳтарам // *в знач. сущ.* **любезный** *м обращ. уст. ирон.* азизам; тақсир; **послушай-ка, ~ый!** гуш кун, азизам! 3. *в знач. сущ.* **любезный** *м уст.* маъшуқ, маҳбуб; **любезная** *ж уст.* маъшуқа, маҳбуба ◇ **будьте ~ы** марҳамат (илтифот) кунед

любимец *м* азиз, маҳбуб, матлуб, дилхоҳ, писандида; **~ публики** писандидаи мардум; **~ отца** азизи падар

любимица *ж* азиза, маҳбуба, матлуба, дилхоҳ, писандида

любимчик *м разг.* азизу аллон, азиздурдона

любим||ый, -ая, -ое 1. *прич., прил.* писандида, азиз, маҳбуб 2. *в знач. сущ.* **любимый** *м* маҳбуб, азиз; **любимая** *ж* маҳбуба, азиза 3. *прил.* нағз медидагӣ, хуб, сара, дустдошта; **~ое кушанье** таоми нағз медидагӣ; **мой ~ый цвет — синий** ранги нағз медидагии ман ранги кабуд аст ◇ **наступить на ~ую мозоль** *кому* ба сӯхта намакоб рехтан

любитель *м* 1. ишқбоз, дустдор, ҳаваскор, ҳаводор; **~ рыбиой ловли** ишқбози моҳнгирӣ; **~ поспать** бандаи хоб 2. ҳаваскор; **фотограф-~** аккоси (суратгири) ҳаваскор

любительский, -ая, -ое ҳаваскор(она), дӯстдор(она); ...и ишқбоз, ...и дустдор, ...и ҳаваскор; **~ спектакль** спектакли ҳаваскорон

любительство *с* ҳаваскорӣ

любить *несов.* 1. *кого-что* дуст (азиз) доштан, нағз дидан; **~ мать** модарро азиз доштан; **~ родину** ватанро дуст доштан 2. *что и с неопр.* майл (ҳавас, рағбат, шавқ) доштан; нағз дидан, дуст доштан; **~ путешествовать** саёҳатро дуст доштан; **он шутить не любит** вай ҳазлро нағз намебинад; **~ музыку** ба мусиқӣ шавқ доштан; **он очень любит эту работу** вай ба ин кор шавқи калон дорад; **я не люблю сладостей** ман шириниро нағз намебинам; **он любит сочинять разные истории** вай ба бофтани ҳар гуна гапҳо ҳавас дорад; **он любит поесть** вай одами серхӯр (шикампараст) аст; **любишь кататься, люби и саночки возить** *посл.* ≈ касе гул хоҳад, бояд миннати хор кашад // *с придат. доп.* нағз дидан, дуст доштан; **не люблю, когда врут** дуруғгуиро бад мебинам 3. дуст доштан; **рис любит воду** биринҷ обдӯст аст // *с отриц.* тоб надоштан; **эти цветы не любят тени** ин гулҳо ба соя тоб надоранд

любиться *несов.* 1. *прост.* муҳаббат бастан, меҳр мондан, дуст доштан *(ба якдигар муҳаббат бастан)* 2. *безл.* ҳавас (шавқ, майл) доштан

любо *в знач. сказ. безл. с неопр. разг.* хуш омадан, маъқул шудан, ба дил нишастан; **~ смотреть на них** ба онҳо нигоҳ кардан хуш аст; **не ~ — не слушай!** маъқул набошад — гуш накун! ◇ **~-дорого, ~-мило** ба кас мефорад, бисёр хуб аст, чӣ хуш аст

любование *с* (*по знач. гл.* **любоваться**) лаззат, лаззатгирӣ, бо ҳавас тамошо кардан(и); **~ природой** тамошои табиат

любоваться *несов. кем-чем, на кого-что* лаззат гирифтан, нигоҳ карда баҳра бурдан, бо ҳавас тамошо кардан; **~ вышивкой** гулдӯзиро бо ҳавас тамошо кардан; **~ на себя в зеркало** худро дар оина бо ҳавас тамошо кардан

любовник *м* 1. ошиқ, хушдор 2. *мн.* **любовники** *уст.* ошиқу маъшуқ, ошиқон ◇ **первый ~** *уст. театр.* ошиқи (маҳбуби) аввалин *(роли ошиқон, маҳ-*

бубон дар пьеса; артисти ицрокунандаи ин гуна рольҳо)

любо́вница *ж* маъшуқа

любо́вн||ый, -ая, -ое 1. ишқӣ, ошиқона, муҳиббона; **~ое письмо́** мактуби ишқӣ; **~ый взгляд** нигоҳи ошиқона 2. ғамхорона, дилсузона; **~ое отноше́ние к де́лу** муносибати ғамхорона ба кор 3. *уст.* ишқовар, меҳрангез ◇ **~ый напи́ток** шарбати ишқ *(бино ба хурофот обе, ки меҳру муҳаббат пайдо мекунондааст)*

любо́вь *ж* 1. муҳаббат, ишқ, меҳр; **~ к ро́дине** меҳри ватан; **матери́нская ~** меҳри модар; **жени́ться по любви́** нағз дида зан гирифтан 2. *перен.* маҳбуба, маъшуқа 3. шавқ, ҳавас, майл, шавқмандӣ; **~ к иску́сству** шавқи санъат; **из любви́ к де́лу** аз шавқи кор ◇ **из любви́ к иску́сству** софдилона, беғаразона; **сове́т да ~!** қуша пир шавед!; **ста́рая ~ не ржаве́ет** муҳаббат — муҳаббати аввал

любозна́тельность *ж* донишдустӣ, илмдустӣ, шавқу ҳавас ба дониш

любозна́тельный, -ая, -ое (любозна́те|лен, -льна, -льно) донишдуст, илмдуст; **~ челове́к** одами донишдуст

люб||о́й, -а́я, -о́е 1. ҳар, ҳар як, ҳар кадом; **~ы́м спо́собом** бо ҳар роҳе; **в ~о́й час** дар ҳар соате 2. *в знач. сущ.* **любо́й** *м*, **люба́я** *ж* ҳар кас, ҳар як, ҳар кадом; **расскажи́ ~о́му — не пове́рит** ба ҳар кас гуй — бовар намекунад 3. кадомаш ки бошад; **выбира́й ~у́ю кни́гу** кадом китобро, ки хоҳӣ, гир // *в знач. сущ.* **любо́й** *м*, **люба́я** *ж*, **любо́е** *с* ҳар кадом, дилхоҳ; **бери́ ~о́е** дилхоҳатро гир

любопы́тничать *несов. разг.* кунҷковӣ кардан

любопы́тно 1. *нареч.* шавқовар, шавқангез, мароқангез 2. *в знач. сказ. безл.* шавқовар (шавқангез, аҷиб аҷоиб) аст; **э́то о́чень ~** ин бисьёр аҷиб аст

любопы́тн||ый, -ая, -ое 1. кунҷков; **~ый сосе́д** ҳамсояи кунҷков 2. *в знач. сущ.* **любопы́тный** *м*, **любопы́тная** *ж* ҳангоматалаб, тамошобин; **толпа́ ~ых** тудаи ҳангоматалабон 3. аҷиб, аҷоиб, ғалатӣ; **~ый слу́чай** ҳодисаи аҷиб

любопы́тств||о *с* кунҷковӣ, мароқ; **испы́тывать ~о** кунҷковӣ кардан; **удовлетвори́ть чьё-л. ~о** мароқи касеро қонеъ кунондан (гардондан); **расспра́шивать с ~ом** бо кунҷковӣ (мароқ) пурсупос кардан; **сгора́ть от ~а** аз кунҷковӣ бетоқат шудан

любопы́тствовать *несов.* кунҷковӣ кардан, кунҷков будан

лю́бушка *ж фольк. ласк. к* **люба** ҷонона, дилбар

лю́бящ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* дустдор 2. *прил.* меҳрубон; пурмеҳр,меҳрбор; **~ая сестра́** хоҳари меҳрубон; **~ий взгляд** нигоҳи пурмеҳр

люд *м собир. разг.* мардум, халоиқ, ҷамоа, аҳл; **пе́ший и ко́нный ~** мардуми савораю пиёда; **рабо́чий ~** аҳли меҳнат

лю́д||и *мн. (ед.* **челове́к** *м)* 1. одамон, мардум, халқ; **молоды́е ~и** 1) одамони ҷавон 2) *(чета)* арусу домод; **бы́ло мно́го ~е́й** мардум бисьёр буданд // аҳл; **~и нау́ки** аҳли илм; **~и иску́сства** аҳли санъат 2. *(кадры)* коркунон, коргарон; **на́шему заво́ду нужны́ ~и** ба заводи мо коргарон даркоранд 3. *воен.* одамон, аскарон, ҷанговарон; **команди́р забо́тился о свои́х ~ях** командир ба ҷанговарони (аскарони) худ ғамхорӣ мекард 4. *уст.* хизматгорон, пешхизматҳо ◇ **~и до́брой во́ли** одамони некирода (сулҳҷуй); **бы́вшие ~и** радди маъракашудагон; **гуля́щие ~и** одамони озод; **рабо́тные ~и** *ист.* аҳли кор, коргарон; **на ~ях** дар пеши назари мардум, дар байни одамон; **на ~ях и смерть красна́** *посл.* марги бо ёрон туй аст; **вы́биться в ~и** бо машаққат ба қатори одамон даромадан; **вывести в ~и** *кого* одам кардан, ба қатори одамон даровардан; **вы́йти в ~и** ба қатори одам даромадан; **жить (служи́ть) в ~ях** дар даргоҳи мардум кор кардан; **все мы ~и** одамизод — шири хомхурда; **свет (мир) не без до́брых ~е́й** *посл.* як дари баста, сад дари кушода; **свои́ ~и — сочтёмся** *погов.* ҳисоби дустон — дар дил; **поспеши́шь — ~е́й насмеши́шь** *погов.* ≈ дар кори шитоб пушаймонӣ бисьёр

лю́дно *в знач. сказ. безл.* серодам аст, пур аз одам аст; **на у́лицах го́рода ~** кӯчаҳои шаҳр пур аз одам

лю́дность *ж* серодамӣ, сераҳолӣ (серодам) будан(и), аз одам пур будан(и); **~ центра́льных у́лиц** серодамии кӯчаҳои марказӣ

лю́дн||ый, -ая, -ое сераҳолӣ, серодам; **~ая у́лица** кӯчаи серодам

людое́д *м* 1. одамхур, ваҳшии гӯштиодамхур 2. деви одамхур *(дар афсонаҳо)*

людое́дский, -ая, -ое ...и одамхур, ...и гуштиодамхур

людое́дство *с* одамхӯрӣ, гӯштиодамхурӣ

людск||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и одам, ...и мардум; **~а́я молва́** овозаи мардум; **~и́е стра́сти** ҳавопарастии мардум 2. *уст.* ...и хизматгорон, ...и пешхизматҳо; **~и́е и́збы** кулбаҳои хизматгорон // *в знач. сущ.* **людская** *ж* хонаи хизматгорон ◇ **род ~о́й** бани-одам, навъи башар

люизи́т *м* люизит *(моеи заҳрнок)*

люк *м* 1. палкона; **~ в полу́ сце́ны** палконаи фарши саҳнаи театр 2. *воен.-мор.* почанг *(сурохи девори паҳлуи киштӣ барои мили тӯп)*; **~ на па́лубе корабля** люки саҳни киштӣ

лю́ков||ый, -ая, -ое ...и палкона; **~ая кры́шка** сарпуши палкона

люкс I *м физ.* люкс *(воҳиди ченаки рушноӣ)*

люкс II *м* люкс *(магазин, хонаҳои меҳмонхона, купе, каюта ва ғайраи аълодараҷа)*; **каюта-~** ҳуҷраи люкс

лю́лька I *ж* гаҳвора, белинчак, алвонҷ

лю́лька II *ж обл.* чубуқ

люмба́го *с нескл. мед.* дарди миён

лю́мен *м физ.* люмен *(воҳиди ченаки рӯшноӣ)*

люминесце́нтный, -ая, -ое *физ.* люминесцентӣ, ...и люминесценция

люминесце́нция *ж физ.* люминесценция *(шуоъбарории газ, моеот ё ҷисми ахт)*

лю́мпен-пролетариа́т *м* люмпен-пролетариат *(дар ҷамъияти капиталистӣ одамони аз синфи худ ҷудошуда — гадоён, пойлучон ва ғ.)*

люне́т *м* 1. *уст. воен.* сангар 2. *архит.* равоқ, тоқ, пештоқ

люпи́н *м бот.* тирмис

люпи́нов||ый, -ая, -ое ...и тирмис; **~ые семена́** тухми тирмис

лю́стра *ж* қандил, чилчароғ

люстри́н *м уст. текст.* люстрин *(матои пашмӣ ё нимпашми ҷилодор)*

люстри́нов||ый, -ая, -ое *уст. текст.* ...и люстрин, люстринӣ; **~ое пальто́** пальтои люстрин

лютера́нин *м* лютермазҳаб, пайрави мазҳаби лютерӣ

лютера́нский, -ая, -ое лютерӣ

лютера́нство *с* мазҳаби лютерӣ *(яке аз мазҳабҳои насронӣ, ки дар асоси таълимоти Мартин Лютер дар асри 16 пайдо шуда* буд)

лю́тик *м бот.* чинорак, гули арӯсӣ

лю́тиковый, -ая, -ое 1. ...и чинорак; **~ сте́бель** пояи чинорак 2. *в знач. сущ.* **лютиковые** *мн. бот.* растаниҳои ҷинси чинорак

лютни́ст *м* барбатнавоз

лю́тня *ж муз.* барбат *(асбоби мусиқӣ)*

лютова́ние *с (по знач. гл.* **лютовать)** хунхорӣ, даррандагӣ, сангдилӣ, бераҳмӣ

лютова́ть *несов. прост.* хунхорӣ (даррандагӣ) кардан, сангдилӣ (бераҳмӣ) кардан // *(о морозе, буре и т. п.)* шиддат ёфтан, пуршиддат будан

лю́тость *ж* хунхорӣ, даррандагӣ, сангдилӣ, бераҳмӣ

лю́т||ый, -ая, -ое (лют, -а́, -о) 1. хунхор, дарранда, сангдил, бераҳм, пурхашм, қаттол; **~ый враг** душмани қаттол // *перен.* шиддатнок, сахт, шадид; **~ое сраже́ние** ҳарбу зарби шадид 2. *перен.* пуразоб, сахт, тоқатфарсо; **~ая казнь** қатли пуразоб; **~ая зло́ба** кинаи сахт; **~ый моро́з** хунукии қахратун 3. *тк. кр. ф. прост.* серҳавас, пуршавқ, пурраѓбат

люфа́ *ж* 1. *бот.* дастмолкаду 2. *(мочалка)* дастмол *(барои таншуӣ)*

люфо́вый, -ая, -ое ...и дастмолкаду, дастмолкадугӣ

люце́рна *ж бот.* юнучқа

люце́рнов||ый, -ая, -ое ...и юнучқа; **~ое по́ле** юнучқазор

лю́эс *м см.* **си́филис**

ля *с нескл.* ля *(нотаи шашуми гаммаи мусиқӣ)*

ляга́ние *с (по знач. гл.* **ляга́ть** *и* **ляга́ться)** лагадзанӣ, лагадпартоӣ

ляга́ть *несов. кого-что* лагад кардан (задан)

лягаться *несов.* лагадзан будан, лагад задан (партофтан)

лягнуть *сов. однокр. к* **лягать**

лягушач||ий, лягушеч||ий, -ья, -ье қурбоққагӣ, ...и қурбоққа, ғукӣ, ...и ғук; **~ье кваканье** вақ-вақи қурбоққа

лягушиный, -ая, -ое *разг. см.* **лягушачий**

лягушка *ж* қурбоққа, ғук

лягушонок *м* қурбоққача, бачаи қурбоққа, ғукча

ляд *м*: **на кой ~?** *груб. прост.* чӣ даркор?

ляда *ж обл.* 1. ҷангалзори (паттазори) сернам дар пастхамӣ 2. замини кундаков (тоза) кардашуда 3. ҷарӣ, ҷар, оббурда

лядина *ж см.* **ляда** 1

лядунка *ж уст.* тирхалтаи аскарони савора

ляжка *ж разг.* сон, рон

лязг *м* ҷангар-ҷангар, ҷаранг-ҷаранг; **~ цепей** ҷаранг-ҷурунги занҷир; **~ гусениц трактора** шақар-шуқури тасмачарххои трактор

лязганье *с (по знач. гл.* **лязгать**) ҷангар-ҷангар, ҷаранг-ҷаранг, шақар-шақар, тақар-тақар

лязга||ть *несов.* ҷангар-ҷангар (ҷаранг-ҷаранг, шақар-шақар, тақар-тақар) кардан; **≃ли буфера вагонов** буферҳои вагон [ба ҳамдигар зада] ҷангар-ҷангар мекарданд; **~ть зубами** дандонҳоро шақаррос занондан

лязгнуть *сов. однокр. к* **лязгать**

лямк||а *ж* 1. бортасма 2. тасмаи либос ◇ **тянуть ~у** машаққат кашидан

лямочный, -ая, -ое ...и тасма

ляп *межд.*: **тяп да ~, тяп-~** ҳарому ҳариш, чалачулпа

ляпать *несов.* 1. *см.* **ляпнуть**; 2. *что* ҳарому ҳариш кор кардан

ляпаться *несов. см.* **ляпнуться**

ляпис *м* санги ҷаҳаннам

ляпис-лазурь *ж см.* **лазурит**

ляпнуть *сов. прост.* 1. *что и без доп.* лаппи карда гуфтан, беҷо гап задан 2. *кого* сахт задан, куфтан

ляпнуться *сов. прост.* 1. афтида рафтан, шалпи карда афтидан (ғалтидан) 2. зада гирифтан, худро маиб кардан

ляпсус *м* саҳв, хато, ғалат

лярд *м* равғани об кардашудаи хук

ляскаиье *с (по знач. гл.* **ляскать**) дандонҳоро шаққос занондан(и); шаққос, шақаррос

ляскать *несов.* дандонҳоро шаққос занондан

ляскиуть *сов. прост. однокр. к* **ляскать**

лясы *мн.*: **~ точить** *прост.* лаққидан, сафсата гуфтан, ҳарзагуӣ кардан

лях *м уст.* лаҳ; *см.* **ляхи**

ляхи *мн.* 1. *уст.* лаҳҳо, полякҳо 2. лаҳҳо *(номи умумии гурӯҳҳои этнографии чехҳо, ки дар қисми шимоли шарқии Моравия ва дар як қисми Силезия зиндагонӣ мекунанд)*

ляшка *ж* лаҳзан, лаҳдухтар; *см.* **ляхи**

ляшск||ий, -ая, -ое ...и лаҳ, лаҳӣ; **~ие племена** қабилаҳои лаҳӣ (лаҳҳо)

мавзолей *м архит.* мавзолей, мақбара, дахма; **Мавзолей В. И. Ленина** Мавзолеи В. И. Ленин; **~ Рудаки** мақбараи Рудакӣ

мавр *м ист.* мағрибӣ; *см.* **мавры**

мавританка *ж ист.* мағрибизан, мағрибидухтар, зани (духтари) мағрибӣ; *см.* **мавры**

мавританск||ий, -ая, -ое *ист.* мағрибӣ, ...и Мағриб; **~ий стиль** *архит.* услуби мағрибӣ *(дар меъморӣ)*; **дом в ~ом стиле** бинои услубаш мағрибӣ

маврский, -ая, -ое *ист.* ...и мағрибӣ, ...и мағрибиҳо

мавры *мн. ист.* мағрибиҳо *(номи мусулмонони нимҷазираи Пиреней ва қисми ғарбии Африкаи Шимолӣ дар асрҳои миёна)*

маг *м* 1. *(жрец)* коҳин, муғ 2. *(волшебник)* сеҳргар, соҳир, ҷодугар, афсунгар ◇ **~ и волшебник** *шутл.* муъҷизакор

магазин *м* 1. магазин; **книжный ~** магазини китоб; **продуктовый ~** магазини озуқа; **~ готового платья** магазини либос 2. *уст. (склад)* анбор 3. *воен.* тирдон; **~ винтовки** тирдони милтиқ 4. *тех.* бордон

магазини||ый, -ая, -ое 1. магазинӣ, ...и магазин 2. *воен.* ...и тирдон; **~ая коробка** тирдон *(дар милтиқ ё тапонча)*

магараджа *м* маҳороҷа, роҷаи бузург *(унвони олии ҳокимон дар Ҳиндустон)*

магарыч *м прост.* ширинкома

магистерский, -ая, -ое *ист.* магистрӣ, ...и магистр; **~ титул** унвони магистрӣ

магистерский, -ая, -ое магистри, ...и магистр; **~ экзамен** имтиҳони магистри

магистр *м* 1. магистр *(унвони илмӣ дар баъзе мамлакатҳои хориҷӣ ва дар Россияи тореволюционӣ)*; **~ философии** магистри фалсафа 2. *ист.* пешво, пир

магистраль *ж в разн. знач.* магистраль, шоҳроҳ, роҳи асосӣ; **автомобильная ~** магистрали автомобильгард; **железнодорожная ~** магистрали роҳи оҳан; **водопроводная ~** магистрали водопровод; **телефонная ~** магистрали телефон; **газовая ~** магистрали газ

магистральный, -ая, -ое магистрали, ...и магистраль, ... и шоҳроҳ, ...и роҳи асосӣ; **~ канал** канали калон

магистрант *м* магистрант *(номзад ба рутбаи магистр)*

магистрат *м* 1. *(городское управление)* магистрат, баладия; *(здание)* магистрат, бинои баладия 2. *ист.* магистрат *(идораи шаҳрдорӣ дар Россияи асрҳои 18—19)* 3. *ист.* магистрат *(мансаби давлатӣ — консул ва м. ин дар Рими Қадим; соҳиби чунин мансаб)*

магистратский, -ая, -ое магистрати, ...и магистрат; **~ чиновник** мансабдори магистрат

магистратура *ж собир.* магистратура (1. *мансабҳои судӣ дар баъзе мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ва дар Россияи тореволюционӣ* 2. *ист. мансабҳои олии давлатӣ дар Рими Қадим)*

магическ||ий, -ая, -ое 1. соҳирона, ҷодугарона; **~ое заклинание** афсун 2. *перен.* муъҷизакорона, муъҷизавор, эъҷозкорона; **его слова произвели ~ое действие** суханони у таъсири муъҷизакорона карданд

магия *ж* 1. сеҳр, ҷоду, ҷодугарӣ 2. *перен.* таъсири муъҷизакорона (муъҷизавор, ғайриоддӣ, фавқулодда); **~ слова** сеҳри сухан ◇ **белая ~** сеҳри ҳалол; **чёрная ~** сеҳри ҳаром

магма *ж геол.* магма, тафта *(моддаҳои гудохтаи умқи Замин)*

магматическ||ий, -ая, -ое *геол.* 1. ...и магма, ...и тафта; **~ий очаг** макони магма; **~ая порода** ҷинси магмавӣ 2. *(расплавленный)* гудохта; **~ое состояние породы** ҳолати тафтаи ҷинс

магнат *м* магнат (1. *заминдори калон, феодал* 2. *капиталисти калон, сарватдори калон)*; **финансовые ~ы** магнатҳои молия

магнезит *м* магнезит (1. *мин. маъдани карбонатдор* 2. *горн. ҷинси кӯҳӣ, ки аз маъдани магнезит таркиб ёфтааст* 3. *масолеҳи оташбардор, ки аз оксиди магнит иборат аст)*

магнезия *ж хим., мед.* магнезия *(хокаи сафеди оксиди магний ё намаки магний)*

магнетизёр *м уст.* гипнозчӣ, гипнозкунанда

магнетизирование *с (по знач. гл.* **магнетизировать**) гипноз кардан(и)

магнетизировать *несов. кого-что уст.* гипноз кардан

магнетизм *м* 1. *физ.* магнетизм *(фасли физика, ки таъсири тарафайни зарраву ҷисмҳои зарядноки мутаҳаррикро вобаста ба моменти магнитии онҳо ва майдони магнитӣ тадқиқ мекунад)* 2. магнетизм *(номи умумии падидаҳои магнитӣ)* 3. *перен.* ҷозиба, ҷозибадорӣ 4. *уст.* гипноз, гипноз кардан(и) ◇ **животный ~** *уст.* боди фалак *(ақидаи хурофиест, ки мувофиқи он сайёраҳо мавҷе меафканаду ба рафти касалӣ таъсир мерасонанд)*; **земной ~** магнетизми Замин

магнетик *м* магнетик *(моддае, ки хосияти магнитӣ дорад)*

магнетит *м мин.* магнетит *(маъдани магнитдори оҳан)*

магнетическ||ий, -ая, -ое 1. магнитӣ, ...и магнит, ... магнетизм; **~ие явления** падидаҳои магнитӣ 2. *уст.* гипнозӣ, ...и гипноз; **~ая сила** қувваи гипнозӣ

магнето *с нескл. тех.* магнето *(генератори электромагнитӣ)*

магниев||ый, -ая, -ое ...и магний, магнийдор; **~ая вспышка** афрӯзиши магний; **~ая руда** маъдани магнийдор

магний *м* магний *(элементи химиявӣ, металл)*

магни́т *м* 1. *физ.* магнит, оҳанрабо; **есте́ственный** ~ магнити табиӣ 2. *перен. книжн.* қувваи ҷозиб

магни́тить *несов. что* магнитонидан, магнитдор кардан; ~ **иго́лку** сузанро магнитдор кардан

магни́тн||ый, -ая, -ое *физ.* магнитӣ, ...и магнит, ...и оҳанрабо; магнитнок, магнитдор; ~**ая си́ла** қувваи магнитӣ; ~**ая стре́лка** ақрабаки магнитӣ; ~**ая инду́кция** индукцияи магнитӣ; ~**ые тела** ҷисмҳои магнитӣ ◇ ~**ая анома́лия** *физ.* аномалияи магнитӣ (*пурзур шудани магнитизми Замин вобаста ба кам ё зиёд будани маъдани оҳан дар ягон мавзеъ*); ~**ая бу́ря** туфони магнитӣ (*тағйири ногаҳонии кутоҳмуддати майдони магнитии Замин*); ~**ое по́ле** майдони магнитӣ (*фазоест дар гирди магнит ё ҷараёни доимии электр*); ~**ый по́люс** 1) кутби магнитӣ (*нуқтаи сатҳи Замин, ки дар он ақрабаки магнитӣ ба худ ҳолати амудӣ мегирад*)

магнито= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «магнит», «магнитӣ»:* **магнитофо́н** магнитофон

магнито́граф *м физ.* магнитограф (*асбоб барои қайди тағйироти майдони магнитии Замин*)

магнито́метр *м физ.* магнитометр (*асбоб барои чен кардани шиддатнокии майдони магнитӣ*)

магнитофо́н *м* магнитофон

магнитофо́нн||ый, -ая, -ое магнитофонӣ, ...и магнитофон; ~**ая аппарату́ра** аппаратураи магнитофонӣ; ~**ая за́пись** овози бо магнитофон сабтшуда

магнолиевый, -ая, -ое 1. ...и магнолия, магнолиягӣ 2. *в знач. сущ.* **магно́лиевые** *мн. бот.* магнолиягиҳо

магно́лия *ж бот.* магнолия, монюлиё (*навъи дарахт ё буттаи ҷанубӣ, ки гулҳои сафеди хушбуй дорад*)

маго́г, маго́га: гог и маго́г, го́га и маго́га, гог-маго́г, го́га-маго́га *уст.* Ёҷуҷу Моҷуҷ

магомета́нин *м* мусулмон, пайрави дини ислом

магомета́нка *ж* мусулмонзан, мусулмондухтар, зани (духтари) мусулмон

магомета́нск||ий, -ая, -ое мусулмонӣ, ...и мусулмон, ...и ислом; ~**ое населе́ние** аҳолии мусулмон

магометанство *с* мусулмонӣ, ислом

марини́ст *м жив.* баҳрнигор

маринова́ние *с (по знач. гл.* **маринова́ть** 1) парвардан(и), ба (дар) сирко хобондан(и)

марино́ванн||ый, -ая, -ое *прич., прил.* очорӣ;, дар сирко хобонда шуда

маринова́ть *несов.* 1. *что* парвардан, ба (дар) сирко хобондан; ~ **огурцы́** бодирингро парвардан 2. *что перен. разг.* хобонда мондан, касдан ба таъхир андохтан, кашол додан; ~ **де́ло** кореро хобонда мондан

маринова́ться *несов. страд.* парварда шудан; ба таъхир андохта шудан, кашол дода шудан

марино́вка *ж разг. см.* **маринова́ние**

марионе́т||ка *ж* 1. *театр.* зоча, лӯъбат, лӯхтак *(ба воситаи чизе ба ҳаракат оварда мешавад)*; **теа́тр** ~**ок** театри лухтакбозӣ 2. *перен.* бозича, мансабдори лухтакмонанд

марионе́точн||ый, -ая, -ое 1. *театр.* ...и зоча, зочагӣ, ...и лухтак, ...и лухтакбозӣ, ...и бозии чодирхаёл 2. *перен.* зочамонанд, лухтакмонанд; ~**ое прави́тельство** ҳукумати лухтакмонанд; ~**ое госуда́рство** давлати номустақил

ма́рк||а I *ж* 1. марка; **почто́вая** ~**а** маркаи почта; **ге́рбовая** ~**а** маркаи тамғадор (гербдор); **накле́ить** ~**у** марка часпондан 2. *уст. (жетон)* марка *(пулакчаи металлӣ, ки дар ресторанҳо ё дар бозӣ ба ҷои пул кор фармуда мешуд)* 3. тамға, тамғаи мол; **фабри́чная** ~**а** тамғаи фабрика 4. навъ, хел; **но́вые** ~**и ста́ли** хелҳои нави пулод ◇ **вы́сшей (пе́рвой)** ~**и** гузаро; **плут вы́сшей** ~**и** каллоби гузаро; **под** ~**ой** *чего* бо баҳонаи ..., бо номи...; **держа́ть (выде́рживать)** ~**у** ба одоби муошират риоя кардан, эътиборро нигоҳ доштан; **по́ртить** ~**у** обру резондан

ма́рка II *ж* марка *(воҳиди пул дар РДГ, РФГ ва Финляндия)*

ма́рка III *ж ист.* марка (1. *ҷамоати деҳқонон дар Европаи Ғарбии асрҳои миёна* 2. *мулки мутеи сарҳади дар Германияи асрҳои миёна)*

маркгра́ф *м ист.* маркграф *(ҳокими марка)*; *см.* **марка** III 2

маркгра́фство *с ист.* маркграфӣ *(мулке, ки онро маркграф идора мекард)*

маркёр I *м уст.* маркёр *(хизматгор ва ҳисобчии бозии бильярд)*

маркёр II *м с.-х.* маркёр *(олати хатаккашӣ ё ҷуяккашӣ дар деҳқонӣ)*

ма́ркетинг *м* маркетинг *(тарзи идораи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот дар ширкатҳои капиталистӣ, усули нави муборизаи монополияҳо барои бозор ва гирифтани фоидаи калон)*

маркетри́ *с нескл.* 1. маркетри, хотамкорӣ, кошинкорӣ *(аз чуб, устухон ва ғ.)* 2. *в знач. неизм. прил.* ...и хотамкорӣ; **ме́бель** ~ мебели хотамкорӣ

марки́з *м* 1. маркиз *(унвони дворянӣ дар баъзе мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ)* 2. *см.* **маркгра́ф**

марки́за I *ж* маркиза *(зан ё духтари маркиз)*

марки́з||а II *ж* шамсия; **опусти́ть** ~**ы** шамсия бастан

маркизе́т *м* маркизет *(навъи газвори нафиси шаффоф)*

маркизе́тов||ый, -ая, -ое маркизетӣ, ...и маркизет; ~**ая блу́зка** камзулчаи занонаи маркизет

ма́рк||ий, -ая, -ое (ма́р|ок, -ка, -ко) зуд чиркиншаванда, чиркнобардор; ~**ие цвета́** рангҳои чиркнобардор; ~**ий костю́м** костюми зуд чиркиншаванда

маркирова́льн||ый, -ая, -ое тамғазананда; ~**ая маши́на** мошини тамғазананда

маркирова́ние I *с см.* **маркиро́вка** I 1

маркирова́ние II *с см.* **маркиро́вка** II

маркирова́ть I *сов., несов. что* тамға задан, нишон гузоштан; ~ **проду́кцию** ба маҳсулот тамға задан

маркирова́ть II *сов., несов. что с.-х.* бо маркёр хатак (ҷуяк, огард) кашидан

маркирова́ться I *несов. страд.* тамға зада шудан

маркирова́ться II *несов. страд. с.-х.* бо маркёр хатак (ҷуяк) кашида шудан

маркиро́вка I *ж* 1. *(по знач. гл.* **маркирова́ть** I) тамғазани, нишонгузорӣ; ~ **фабри́чных изде́лий** тамғазанӣ ба молҳои фабрика 2. *(товарный знак)* тамға, нишон

маркиро́вка II *ж (по знач. гл.* **маркирова́ть** II) бо маркёр хатаккашӣ (ҷуяккашӣ); ~ **уча́стка под хло́пок** бо маркёр хатаккашии майдони кишти пахта

маркиро́вочный, -ая, -ое ...и тамғазанӣ, ...и нишонгузорӣ

маркиро́вщик *м* тамғазан *(ба мол ва ашьё)*

маркита́нт *м ист.* маркитант *(дар асрҳои 18—19 фурӯшандаи хуроквории ва чизҳои дигар дар байни лашкар)*

маркита́нтка *женск. к* **маркита́нт**

маркита́нтский, -ая, -ое *ист.* маркитанти, ...и маркитант

ма́ркость *ж* тез чиркиншавандагӣ, чиркнобардорӣ; ~ **тка́ни** тез чиркиншавандагии матоъ

маркси́зм *м* марксизм; ~ **не до́гма, а руково́дство к де́йствию** марксизм догма не, балки дастури амал аст

маркси́зм-лениии́зм *м* марксизм-ленинизм; **тео́рия маркси́зма-ленини́зма** назарияи марксизм-ленинизм

маркси́ст *м* марксист

маркси́стка *женск. к* **маркси́ст**

маркси́стск||ий, -ая, -ое марксисти, ...и марксизм, ...и марксист, марксистона; ~**ий диалекти́ческий метод** методи диалектикии марксисти; ~**ая па́ртия** партияи марксисти; ~**ая фи-**

лосо́фия фалсафаи марксистӣ; ~ий подхо́д к исто́рии муносибати марксистона ба таърих; ~ое мировоззре́ние ҷаҳонбинии марксистӣ

маркси́стско-ле́нинск||ий, -ая, -ое марксистӣ-ленинӣ; ~ая тео́рия назарияи марксистӣ-ленинӣ

маркше́йдер *м горн.* маркшейдер, мутахассиси маркшейдерия

маркшейдери́я *ж горн.* маркшейдерия (*соҳаи илми конишиносӣ*)

марлев||ый, -ая, -ое ...и дока, докагӣ; ~ая повя́зка бандинаи дока

ма́рля *ж* дока

мармела́д *м* мармалод (*навъи ҳалвои мевагин*); я́блочный ~ мармалоди себин

мармела́дка *ж разг.* як дона мармалод

мармела́дный, -ая, -ое мармалодӣ, ...и мармалод; ~ цех цехи мармалод

мармора́ция *ж см.* мармориро́вка

мармори́ровать *сов., несов. см.* мрамори́ровать

мармори́роваться *несов. см.* мрамори́роваться

маро́дёр *м* 1. (*грабитель*) дузд, ғоратгар (*одатан дар бораи дуздӣ дар майдони ҷанг*) 2. *перен. разг.* (*спекулянт*) ҳаннот

маро́дёрск||ий, -ая, -ое 1. ...и дузд, ...и ғоратгар, ғоратгарона 2. *перен. разг.* ҳаннотӣ, ҷаллобӣ; ~ие це́ны нархҳои ҳаннотӣ

маро́дёрство *с* 1. (*грабёж*) дуздӣ, ғоратгарӣ 2. *перен. разг.* (*спекуляция*) ҳаннотӣ, ҷаллобӣ

маро́дёрствовать *несов.* 1. ғоратгарӣ (тороҷгарӣ) кардан 2. *перен. разг.* ҳаннотӣ кардан, аз ҳад зиёд қимат фурухтан

мароке́н *м* марокен (*навъи матои абрешими сунъӣ*)

мароке́нов||ый, -ая, -ое ...и марокен, марокенӣ; ~ая ю́бка юбкаи марокен

марокка́нец *м* марокашӣ

марокка́нка *ж* марокашизан, марокашидухтар, зани (духтари) марокашӣ

марокка́нск||ий, -ая, -ое марокашӣ, ...и марокашиҳо, ...и Марокаш; ~ие пе́сни сурудҳои марокашӣ

марокка́нцы *мн.* марокашиҳо, аҳолии Марокаш

ма́рочн||ый, -ая, -ое 1. ...и марка, маркагӣ; ~ая систе́ма опла́ты системаи пардохт ба воситаи марка 2. ...и навъи махсус; ~ый таба́к тамокуи навъи махсус; ~ые ви́на шаробҳои навъи махсус

марс *м мор.* марс (*дидбонгоҳ дар сутуни киштӣ*)

Марс *м астр.* Миррих

марса́ла *ж* марсала (*навъи шароби ангур*)

ма́рсель *м мор.* марсель (*бодбони рости чоркунҷаи киштӣ*)

Марселье́за *ж* Марсельеза (*суруди революционии франсавӣ, сонитар гимни давлатии республикаи Франция*)

марсиа́не *мн.* мирриxиҳо

марсиа́нин *м см.* марсиа́не

марсово́й, -ая, -о́е *мор.* 1. марсӣ, ...и марс; ~ па́рус бодбони марс 2. *в знач. сущ.* марсово́й *м* посбони марс

март *м* март, моҳи март

марте́н *м тех.* 1. (*печь*) мартен, кураи (печи) мартенӣ 2. (*сталь*) пулоди мартенӣ

марте́новец *м см.* марте́нщик

марте́новск||ий, -ая, -ое мартенӣ, ...и мартен; ~ий цех цехи мартенӣ; ~ая печь мартен, кураи (печи) мартенӣ

марте́нщик *м* коргари мартен (кураи мартенӣ)

мартиро́лог *м* 1. *церк.* риёзатнигорӣ 2. *перен. книжн.* риёзатнома

ма́ртовский, -ая, -ое ...и март, мартӣ, ...и моҳи март; ~ день рузи моҳи март

марты́шка *ж* маймуни антар (*ҷинси маймуни хурд*)

марты́шкин, -а, -о ...и маймуни антар ◇ ~ труд кори беҳуда, меҳнати бефоида

марципа́н *м* ҳалвои лавз, лавзина

марш I *м* 1. марш, қадамзании бонизом, гашт; церемониа́льный ~ марши ботантана 2. (*поход*) марш, юриши лашкар; находи́ться на ~е дар марш будан 3. *муз.* марш; орке́стр заигра́л ~ оркестр марш навохт 4. (*часть лестницы*) марш, як печи зина (*дар байни ду саҳн*); ле́стница в три ~а зинаи аз се печ иборат

марш II *межд.* 1. марш (*фармон барои пеш рафтан*); ша́гом ~! марш! 2. *разг.* (*приказание уйти*) рав, марш; ~ отсю́да! рав аз ин ҷо! 3. *разг.* (*употр. для обозначения начала быстрого движения*): отдохну́ немно́го, и ~ домо́й андак дам мегираму зуд ба хона меравам

ма́ршал *м воен.* маршал; Ма́ршал Сове́тского Сою́за Маршали Иттифоқи Советӣ; ~ авиа́ции маршали авиация

ма́ршальск||ий, -ая, -ое маршалӣ, ...и маршал; ~ая звезда́ ситораи маршалӣ

ма́ршальство *с* маршалӣ

маршеви́к *м разг.* чарикчӣ

ма́ршев||ый, -ая, -ое 1. ...и марш; маршӣ; ~ый поря́док тартиби маршӣ; ~ый ритм зарби марш 2. *воен.* чарикӣ; ~ая ро́та ротаи чарикӣ

маршировáние *с см.* марширо́вка

маршировáть *несов.* маршировка кардан, бо низом қадам задан (роҳ рафтан)

марширо́вка *ж* (*по знач. гл.* маршировáть) маршировка, бо низом қадамзанӣ (роҳравӣ)

марширо́вочный, -ая, -ое ...и маршировка, ...и қадамзанӣ

маршру́т *м* 1. маршрут (*роҳи пешакӣ муайян кардашудаи сафар*); ~ самолёта маршрути самолёт 2. *ж.-д.* поезди боркаши маршрутӣ (*поезде, ки бе иваз кардани бор ва адади вагонҳо то ҷои таъиншуда меравад*)

маршру́тн||ый, -ая, -ое маршрутӣ, ...и маршрут; ~ый указа́тель нишондиҳандаи маршрутҳо ◇ ~ый по́езд поезди боркаши маршрутӣ; ~ая съёмка *геод.* нақшагирии маршрутӣ (*нақшагирӣ бо мақсади тасвири роҳи сафар ва маҳалли атрофи он*); ~ое такси таксии маршрутӣ

марь I *ж обл.* (*дымка*) хирагии ҳаво, туман

мар||ь II *ж обл.* (*болото*) ботлоқи тайга; пробира́ться че́рез ~и аз ботлоқҳои тайга гузаштан

марь III *ж* (*лебеда*) шура

ма́ск||а *ж* 1. ниқоб; в ~е бо ниқоб 2. *перен.* ниқоб, риёкорӣ, сохтакорӣ, мунофиқӣ; ~а равноду́шия ниқоби бепарвоӣ; под ~ой весе́лья дар зери ниқоби хушнудӣ, бо шодии сохта 3. ниқоби марг, маргниқоб; посме́ртная ~а Го́голя маргниқоби Гоголь 4. ниқоб; фехтова́льная ~а ниқоби шамшербозӣ; ~а хиру́рга ниқоби ҷарроҳ 5. *воен.* ниқоб; ~и для ору́дий ниқоби тупҳо ◇ наде́ть [на себя] ~у, носи́ть ~у *чего, какую* ниқоб пушидан; сбро́сить [с себя] ~у ниқоб аз руи худ бардоштан; сорва́ть ~у с кого́-л. ниқоб аз руи касе бардоштан, миси касеро баровардан

маскара́д *м* 1. базми ниқобдорон; нового́дний ~ базми солинавии ниқобдорон 2. (*необычный наряд*) либоси ғайриоддӣ

маскара́дный, -ая, -ое ...и базми ниқобдорон

маскирова́ние *с см.* маскиро́вка 1

маскирова́ть *несов.* 1. *кого-что* ниқоб пушондан 2. *кого-что* пинҳон (рупуш) кардан, пушидан; ~ наблюда́тельный пункт пункти дидбониро пинҳон кардан 3. *что перен.* пардапуш (пинҳон) кардан; ~ свои́ наме́рения ниятҳои худро пардапуш кардан

маскирова́ться *несов.* 1. ниқоб пушидан, ба руй ниқоб кашидан 2. худро пинҳон кардан, пинҳон шудан; ~ на охо́те дар шикор худро пинҳон кардан 3. *перен.* дуруягӣ (мунофиқӣ) кардан 4. *страд.* ниқоб пушонда шудан; пардапуш (пинҳон) карда шудан

маскиро́вк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* маскирова́ть) ниқобпушонӣ; пинҳон (пардапуш) кардан(и); (*по знач. гл.* маскирова́ться) ниқоб пушидан(и); пинҳон шудан(и); ~а ору́дий пинҳон кардани тупҳо; ~а свои́х наме́рений пардапуш кардани ниятҳои худ 2. воситаи маскировка (*чизе, ки бо он маскировка мекунанд*); сре́дства ~и воситаҳои маскировка

маскиро́вочный, -ая, -ое *воен.* ...и маскировка; ~ хала́т ҷомаи маскировка

маскиро́вщик *м воен.* маскировкачӣ, мутахассиси маскировкаи ҳарбӣ

ма́сленая *ж разг. см.* ма́сленица

ма́сленица *ж* 1. масленица (*иди солинавии славянҳо, ки дар давраҳои пеш аз насроният маъмул буд ва баъдтар ба иди арафаи рузаи насрониён табдил дода шуд*) 2. *в знач. сказ. разг.* зиндагонии бофароғат; не житьё, а ~ зиндагии пуру паймон; не всё коту́ ~, придёт и вели́кий пост *посл.* ≈ ҳар рӯз ид нест, ки чалпак хурӣ

масленичный, -ая, -ое ...и масленица

маслёнк||а *ж* 1. равғандон; **положить масло в** ~**у** ба равғандон равған андохтан 2. *тех.* равғандони мошин

маслёнок *м* қӯзиқандӣ *(навъи занбуруғи зарди хурданӣ)*

маслен||ый, -ая, -ое 1. равғанин; равғанолуд; ~**ый блин** қуймоқи равғанин; ~**ые тряпки** латтаҳои равғанолуд 2. *перен.* чоплус(она), хушомадгу(ёна), тамаллуқомез; ~**ая улыбка** табассуми чоплусона 3. *перен. (о глазах, взгляде)* шаҳватомез; шаҳвонӣ, пуршаҳват ◇ ~**ая неделя** *см.* **масленица**

маслина *ж (дерево)* зайтун, дарахти зайтун; *(плод)* зайтун, меваи зайтун

маслинный, -ая, -ое 1. зайтунӣ, ...и зайтун 2. *в знач. сущ.* **маслинные** *мн. бот.* зайтуниҳо

маслиновый, -ая, -ое *см.* **маслинный**

маслить *несов. что разг.* равған кардан (задан, молидан)

маслит||ься *несов.* 1. доғи равған гузоштан 2. дурахшидан, ялтирос (ялаққос) задан; **лицо** ~**ся от пота** рухсора аз арақ ялтирос мезанад 3. *страд.* равған зада (молида) шудан

масличн||ый, -ая, -ое равғандор, равғандиҳанда; ~**ые растения** растаниҳои равғандор

масличн||ый, -ая, -ое 1. зайтунӣ, ...и зайтун; ~**ые ягоды** меваи зайтун 2. *в знач. сущ.* **масличные** *мн. бот.* зайтуниҳо

масл||о *с* 1. равған; **сливочное** ~**о** равғани маска; **топлёное** ~**о** равғани зард; **конопляное** ~**о** равғани бангдона; **кукурузное** ~**о** равғани ҷуворимакка; **льняное** ~**о** равғани зағир; **оливковое** ~**о** равғани зайтун; **подсолнечное** ~**о** равғани офтобпараст; **растительное** ~**о** равғани пок; **хлопковое** ~**о** равғани сафед; **касторовое** ~**о** равғани мусҳил, равғани беданҷир; **смазочное** ~**о** равғани мошин (ароба); **эфирные** ~**а** равғанҳои эфирӣ; **сбивать** ~**о** равған кашидан, маска ҷудо кардан 2. *жив.* ранги равғанӣ (равғандор); **писать** ~**ом** бо ранги равғанӣ расм кашидан 3. *жив.* расми бо ранги равғани кашидашуда ◇ **деревянное** ~**о** равғани пастсифати зайтун; **купоросное** ~**о** *хим.* ҷавҳари зок; ~**о масляное** такрори беҳуда; **ерунда (чепуха) на постном** ~**е** дуруғи маҳз, дуппа-дуруғ, фачу лач; **как (будто, словно, точно)** ~**ом по сердцу** бисьёр форам; **как по** ~**у** бо сабукӣ; равон, ба осонӣ; **как сыр в** ~**е кататься** нонаш ба равған ғутидагӣ; **подлить** ~**а в огонь** ба оташ равған рехтан, ба оташ доман задан; **кашу** ~**ом не испортишь** *погов.* ≈ кори иек зиёд бошад, беҳ

масло: *қисми аввали калимаҳои мураккаб мансуб ба равған:* **маслозавод** заводи равған (равғанкашӣ)

маслобой *м см.* **маслобойщик**

маслобойка *ж* 1. *(аппарат)* гуппӣ 2. *разг. см.* **маслобойня**

маслобойный, -ая, -ое ...и равғанкашӣ, ...и ҷувозкашӣ; ~ **завод** заводи равғанкашӣ

маслобойня *ж* корхонаи равғанкашӣ (равғангарӣ), ҷувоз, ҷувози равғанкашӣ

маслобойщик *м* равғанкаш, равғангар, ҷувозкаш

маслодел *м* равғангар, коргари корхонаи равғанкашӣ

маслодели||е *с* равғангарӣ, равғанкашӣ, ҷувозкашӣ; **развитие** ~**я** инкишофи равғанкашӣ

маслодельный, -ая, -ое ...и равғангарӣ, ...и равғанкашӣ; ~ **завод** заводи равған (равғанкашӣ)

маслозавод *м* заводи равған (равғанкашӣ)

маслянистость *ж* равғандорӣ, равғанин будан(и), дараҷаи равғандорӣ; ~ **семян хлопка** равғандории чигит

маслянист||ый, -ая, -ое (маслянист, -а, -о) 1. равғандор, равғанин; ~**ый сыр** паниричи равғандор 2. равғанмонанд; ~**ая жидкость** моеи равғанмонанд 3. дурахшон, рахшон, ҷилодор, ялтиросӣ, ялаққосӣ; ~**ые глаза** чашмони рахшон

маслян||ый, -ая, -ое 1. ...и равған, равғанин, равғанӣ, равғандор; ~**ые пятна** доғҳои равған 2. *жив.* бо ранги равғанӣ кашидашуда; ~**ая живопись** расмҳои бо ранги равғанӣ кашидашуда 3. *тех.* ...и равған, бо равған кор мекардагӣ; ~**ый насос** насоси равған ◇ ~**ая краска** ранги равғанӣ (равғандор)

масон *м ист.* аҳли масония

масонск||ий, -ая, -ое *ист.* масонӣ, ...и масон; ~**ая ложа** маҳфили масонҳо; ~**ое движение** ҳаракати масонҳо

масонство *с ист.* масония *(ҷараёни динию ахлоқиест, ки дар ибтидои асри 18 дар Англия пайдо шуда хеле паҳн шуд; аҳли ин ҷараён мекушанд, ки дар заминаи ақидаи динии иртиҷоӣ тамоми мардуми оламро дар як ташкилоти динӣ муттаҳид намоянд)*

масс||а *ж* 1. бисьёрӣ, миқдори бисьёр, туда 2. *физ.* масса; ~**а атомного ядра** массаи ядрои атом 3. *(громада, глыба)* азамат, чизи азим 4. шакли (сурати, тарҳи) хира; **деревья сливались в одну сплошную** ~**у** дарахтҳо ба шакли як чизи хираи яклухт менамуданд 5. хамира; **бумажная** ~**а** хамираи коғаз 6. *перен.* анбуҳ, туда; **пчёлы густой** ~**ой теснились у летка** анбуҳи занбурони асал дар назди сурохи канду виҷирос мезад 7. *разг.* бисьёр, хеле, зиёд; ~**а хлопот** ташвиши бисьёр, як олам ташвиш 8. аксарият, қисми асосӣ; **основную** ~**у составляли учащиеся** аксариятро талабагон ташкил медоданд 9. *чаще мн.* **массы** *(народ)* омма; **трудящиеся** ~**ы** оммаи меҳнаткашон ◇ **в [общей]** ~**е** аксар, аксаран, бештар, ғолибан

массаж *м* масҳ, молиш; **лечебный** ~ масҳи муолиҷавӣ; **делать** ~ масҳ кардан

массажист *м* масҳгар

массажистка *женск. к* **массажист**

массажн||ый, -ая, -ое ...и масҳ; ~**ые приёмы** усулҳои масҳ

массив *м* 1. ноҳия; **горный** ~ ноҳияи кӯҳӣ, куҳистон 2. майдон; **лесные** ~**ы** майдони ҷангалзор ◇ **жилищный** ~ маҳалла, гузар

массивность *ж* бузургӣ, калонӣ, азамат; вазнинӣ, калонҷуссагӣ; ~ **стен** бузургию ғафсии деворҳо

массивн||ый, -ая, -ое (массив|ен, -на, -но) бузург, калон, азим; вазнин, калонҷусса; ғафс; ~**ая мебель** мебели калон; ~**ая фигура** ҷуссаи калон; ~**ая шея** гардани ғафс

массирование I *с (по знач. гл.* **массировать** I) масҳ кардан(и), молидан(и) ходимӣ кардан(и); ~ **больного** масҳ кардани бемор

массирование II *с (по знач. гл.* **массировать** II) ҷамъ кардан(и), дар як ҷо ҷамъоварӣ; *(по знач. гл.* **массироваться** II) ҷамъшавӣ, ба як ҷо ғуншавӣ; ~ **войск на границе** ҷамъ кардани қӯшунҳо дар сарҳад

массированный -ая, -ое *воен.* 1. *прич.* дар як ҷо ҷамъ кардашуда 2. *прил.* якҷоя; шадид; ~ **налёт авиации** ҳуҷуми шадиди авиация

массировать I *несов. кого-что* масҳ кардан, молидан, ходимӣ кардан; ~ **больную руку** дасти дардмандро молидан

массировать II *сов., несов. кого-что воен.* ҷамъ (якҷоя) кардан, ба як ҷо ғун кардан; ~ **авиацию** авиацияро ба як ҷо ҷамъ кардан

массироваться I *несов.* 1. *разг. (делать себе массаж)* худро масҳ кардан 2. *страд.* масҳ карда шудан

массирова||ться II *сов., несов. воен.* ҷамъ (якҷоя) шудан, ба як ҷо ғун шудан; **пехота** ~**лась близ деревни** қӯшуни пиёда дар наздикии деҳа ғун мешуд

массировка *ж см.* **массирование** II

массовик *м разг.* 1. ташвиқотчӣ 2. массовик *(ташкилкунандаи бозӣ ва тамошоҳои оммавӣ)*

массов||ка *ж разг.* 1. ҷамъомад, митинги хурд *(маҷлиси пинҳонии революционӣ дар Россияи тореволюционӣ)* 2. экскурсияи (саёҳати) оммавӣ; **поехать на** ~**ку** ба саёҳати оммавӣ рафтан 3. *театр.* намоиши серодам; **участники** ~**ок в спектакле** иштироккунандагони намоиши серодам дар спектакль

массовость *ж* 1. оммавият, умумият, оммавӣ (умумӣ) будан(и), сершумор будан(и); ~ **рабочей инициативы** оммавӣ будани ташаббуси коргарон 2. паҳн шудан(и), зиёд будан(и), бисьёр рӯй додан(и); оммавӣ будан(и); ~ **спорта** оммавӣ будани спорт 3. ба умум дастрас будан(и), дастраси омма будан(и) 4. ба миқдори зиёд бароварда шудан(и), истеҳсолоти васеъ; ~ **производства мебели** ба миқдори зиёд бароварда шудани мебель

массов||ый, -ая, -ое 1. оммавӣ, уму-

мӣ, ...и омма, ...и умум; серодам; **~ая экску́рсия** экскурсияи оммавӣ; **~ое движе́ние сторо́нников ми́ра** ҳаракати оммавии тарафдорони сулҳ; **~ый герои́зм** қаҳрамонии оммавӣ 2. бисьёр, ...и одамони зиёд; **~ые заболева́ния гри́ппом** бо грипп бемор шудани одамони зиёд 3. дастраси умум (омма); **това́ры ~ого потребле́ния** молҳои серистеъмол (сермасриф) 4. оммавӣ; **~ый чита́тель** хонандаи оммавӣ 5. серистеъмол

маста́к *м разг.* моҳир, усто, ҳунарманд, пухта, кордон; **он в э́тих дела́х ~** у дар ин кор устухон надорад

ма́стер *м* 1. усто, устод; **оруже́йный ~** устои яроқсоз; **часовы́х дел ~** соатсоз; **золоты́х дел ~** заргар; **~ худо́жественного сло́ва** устоди каломи бадеъ 2. *на что и с неопр. разг.* усто, ҳунарманд, моҳир; **он ~ на вы́думки** вай ба гапбофӣ усто 3. *(на заводе и т. п.)* усто; **сме́нный ~** устои смена; **~ лите́йного це́ха** устои цехи рехтагарӣ 4. усто, устод; **~ спо́рта** устоди спорт; ◇ **~ своего́ де́ла** устоди кори худ, мутахассис; **~ на все ру́ки** даҳ ангушташ ҳунар, устои гулдаст; **заплёчный ~, заплёчных дел ~** *уст.* ҷаллод, дарразан; **де́ло ~а бои́тся** *погов.* ≈ гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб; ба кордон кор осон

мастери́ть *несов. что разг.* сохтан, сохта баровардан

мастери́ться *несов. страд.* сохта шудан

мастери́ц||а *ж* 1. усто, ҳунарманд, моҳир, чевар; **рабо́тать ~ей в ателье́** дар ателье чевар шуда кор кардан 2. *на что и с неопр. разг.* усто, моҳир; **она́ ~а гото́вить плов** вай ошпази моҳир аст

мастерово́й, -а́я, -о́е *уст.* 1. *(ремесленный)* коргар, ...и корхона; **~ люд** аҳли меҳнат 2. *в знач. сущ.* **мастерово́й** *м (ремесленник)* ҳунарманд, косиб

мастеро́к *м стр.* андова

мастерск||а́я *ж* 1. устохона, корхона; **сапо́жная ~а́я** устохонаи музадузӣ 2. *чаще мн.* **мастерски́е** устохона; **авторемо́нтные ~и́е** устохонаи таъмири автомобиль(ҳо) 3. устохона 4. коргоҳ, корхона; **~ая худо́жника** коргоҳи рассом

ма́стерски́ *нареч.* ҳунармандона, моҳирона; **он ~ рису́ет** вай моҳирона расм мекашад

ма́стерский, -ая, -ое ...и усто, ...и устод

мастерск||о́й, -а́я, -о́е устодона, моҳирона, санъаткорона, намунавор; **~о́е исполне́ние симфо́нии** иҷрои моҳиронаи симфония

мастерств||о́ *с* 1. ҳунар ,пеша, санъат; **учи́ться сапо́жному ~у́** касби музадузиро ёд гирифтан 2. маҳорат, санъат, устогӣ; **педагоги́ческое ~о́** маҳорати педагогӣ

масти́ка *ж* 1. сирешим 2. мастика *(барои фарши тахтагӣ)* 3. самғ, шилм

масти́ков||ый, -ая, -ое сирешимӣ; **~ая стату́этка** ҳайкалчаи сирешимӣ

масти́стый, -ая, -ое хушзот; **~ конь** аспи хушзот

масти́т *м мед. см.* **гру́дница**

масти́тость *ж* 1. куҳансолӣ, солхурдагӣ 2. муътабарӣ, муҳтарамӣ, боҳурматӣ

масти́тый, -ая, -ое 1. куҳансол, солхурда; **~ ста́рец** муйсафеди куҳансол 2. муътабар, муҳтарам, ...и соҳиби ҳурмат, боҳурмат; **~ писа́тель** нависандаи муътабар

масти́чн||ый, -ая, -ое сирешимӣ; ...и мастика; **~ое произво́дство** истеҳсоли сирешим

мастова́ *ж* мостоба, мастова

мастодо́нт *м* 1. *палеонт.* мастодонт *(ҳайвони филмонанди матрук)* 2. *перен.* фаҳул, ноҳинҷор; говҷусса

маст||ь *ж* 1. зотӣ асп; **конь вороно́й ~и** аспи сиёҳмушкин 2. *карт.* холи қарта; **бубно́вая ~ь** холи хишт ◇ **одно́й (тако́й же) ~и, под одну́ ~ь** *прост.* якхела, як хел, ба ҳам монанд; **всех (любы́х, ра́зных) ~е́й** ҳархела, ҳар хел, гуногун; **к ~и быть (прийти́сь)** *уст. прост.* муносиб омадан

масшта́б *м* 1. масштаб; **лине́йный ~** масштаби хаттӣ 2. *перен.* миқьёс, андоза; **~ы произво́дства** миқьёси истеҳсолот; **в госуда́рственном ~е** дар миқьёси давлат; **тала́нт большо́го ~а** истеъдоди калон (намоён)

масшта́бность *ж* калонӣ, бузургӣ, азамат

масшта́бн||ый, -ая, -ое 1. масштабӣ, ...и масштаб, масштабдор; **~ая лине́йка** ҷадвали масштабӣ *(ҷадвали дараҷадор барои чен кардани дарозӣ)* 2. *перен.* хеле калон, бузург, азим; **~ое строи́тельство** сохтмони хеле калон

мат I *м* 1. *шахм.* мот; **сде́лать ~** мот кардан 2. *перен. разг.* мот

мат II *м* 1. *(циновка)* бӯрьё, чипта; **соло́менный ~** бурьёи хасин 2. *спорт.* фарши мулоим *(барои лат нахӯрдани варзишгар ҳангоми машқ)*

мат III *м* хирагӣ, тирагӣ, беҷилоӣ; **навести́ ~ на стекло́** шишаро хира кардан

мат IV *м*: **крича́ть (ора́ть, вопи́ть) благи́м ~ом** *прост.* аррос задан, гулу дарронда́н

мат V *м (брань)* дашноми (ҳақорати) қабеҳ

матело́т *м мор.* мателот *(киштии ҳампаҳлу дар саф)*

матема́тик *м* 1. олими математика, риёзӣ; мутахассиси математика 2. муаллими математика, риёзидон

матема́тика *ж* математика; **вы́сшая ~** математикаи олӣ

математи́ческ||ий, -ая, -ое 1. математикӣ, ...и математика; **~ий ана́лиз** таҳлили математикӣ; **~ая тео́рия** назарияи математика; **~ий факульте́т** факультети математика 2. *перен.* саҳеҳ, аниқ, равшан, нукта ба нукта дуруст; **с ~ой то́чностью** бисьёр саҳеҳ

материа́л *м* 1. материал, масолеҳ; моли хом; **строи́тельные ~ы** масолеҳи бинокорӣ 2. материал, асос, ҳуҷҷат, далел, маълумот; **~ы для изуче́ния** материалҳои омузиш; **сле́дственный ~** материали (ҳуҷҷатҳои) тафтишот 3. газвор, матоъ; **шерстяно́й ~** матои пашмин ◇ **сопротивле́ние ~ов** *физ., тех.* муқовимати масолеҳ

материализа́ция *ж книжн.* *(по знач. гл.* **материализова́ть**) таҷассум; *(по знач. гл.* **материализова́ться**) таҷассум ёфтан(и); **~ разря́дки (напряжённости)** таҷассуми паст кардани шиддати авзои байналхалқӣ

материали́зм *м* 1. *филос.* материализм; **диалекти́ческий ~** материализми диалектикӣ; **истори́ческий ~** материализми таърихӣ 2. *(деловой подход)* кардонӣ, мулоҳизакорӣ 3. *неодобр.* фоидаҷуӣ, манфиатпарастӣ

материализова́ть *сов., несов. кого-что книжн.* таҷассум кунондан, амалӣ кардан; **~ иде́ю** фикрeро амалӣ кардан

материализова́ться *книжн.* 1. *сов., несов.* таҷассум ёфтан 2. *несов. страд.* таҷассум карда шудан, амалӣ карда шудан

материали́ст *м* 1. *филос.* материалист, пайрави материализм 2. *(деловой человек)* одами кордон (мулоҳизакор) 3. *неодобр.* фоидаҷӯй, манфиатпараст

материалисти́ческ||ий, -ая, -ое *филос.* материалистӣ, материалистона; **~ая филосо́фия** фалсафаи материалистӣ; **~ое понима́ние жи́зни о́бщества** тафаҳҳуми материалистонаи ҳаёти ҷамъият

материалисти́чный, -ая, -ое (материалисти́ч|ен, -на, -но) 1. *тк. кр. ф. филос.* материалистӣ, материалистона 2. *(узко практический)* амалӣ, амалияпараст(она); **~ подхо́д к де́лу** муносибати амалӣ ба кор

материали́стка *женск. к* **материали́ст**

материали́стский, -ая, -ое мулоҳизакор(она)

материалове́дение *с* масолеҳшиносӣ

материалоёмкий, -ая, -ое масолеҳгунҷо

материалоёмкость *ж* масолеҳгунҷоӣ; **~ произво́дства** масолеҳгунҷоии истеҳсолот; **~ проду́кции** масолеҳгунҷоии маснуот

материа́льность *ж филос.* материалият, моддият; **~ ми́ра** материалияти олам

материа́льно-техни́ческ||ий, -ая, -ое моддию техникӣ; **~ая ба́за коммуни́зма** базаи моддию техникии коммунизм; **~ое снабже́ние** таъминоти моддию техникӣ

материа́льн||ый, -ая, -ое (материа́|лен, -льна, -льно) 1. *филос.* материягӣ, материалӣ, моддӣ, шайъӣ, ҷисмонӣ; **~ый мир** олами моддӣ 2. *тк. полн. ф.* материалӣ, ...и материал, ...и масолеҳ; **~ый склад** анбори материалҳо 3. *тк. полн. ф. (имущественный, денежный)* моддӣ, пулӣ; **~ое благосостоя́ние** некуаҳволии моддӣ; **~ое положе́ние** аҳволи моддӣ; **~ая по́мощь** ёрии моддӣ; **~ые це́нности** чизҳои қиматдор; **нести́ ~ую отве́тственность** аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгар будан ◇ **~ая часть** таҷҳизот, ҷиҳозот

матери́к *м* 1. *геогр.* материк, қитъа; **Австрали́йский ~** Қитъаи Австралия 2. *геол.* материк

материко́вый, -ая, -ое материкӣ, қитъагӣ, ...и материк, ...и қитъа; ~ **бе́рег** соҳили материк ◇ ~ **лёд** пирьях

матери́нск||ий, -ая, -ое 1. модарӣ, ...и модар, модарона; ~**ая ла́ска** навозиши модарӣ 2. *биол.* мабдаъ; ~**ая клётка** ҳуҷайраи мабдаъ ◇ ~**ая поро́да** *геол.* қишри манша (1. *он табақаи замин, ки дигар ҷинсҳо аз он пайдо мешаванд* 2. *он табақаи замин, ки аз он хок ба вуҷуд меояд*)

матери́нств||о *с* 1. ҳомилагӣ, тавал-луд, ширмакконӣ; **охрана** ~**а и младе́нчества** муҳофизати модару кудак 2. модарӣ, меҳри модарӣ; **чу́вство** ~**а** ҳисси модарӣ

матери́ться *несов. прост.* дашноми сахт додан, ҳақорати қабеҳ кардан

мате́ри||я *ж* 1. *филос.* материя; **зако́н сохране́ния** ~**и** қонуни бақои материя 2. *физ.* ҷисм, модда; **строе́ние** ~**и** сохти ҷисм 3. газвор, матоъ; ~**я я́рких расцве́ток** газвори кушодаранг 4. *перен. разг.* мавзуи сӯҳбат; **ску́чная** ~**я** мавзуи дилгиркунанда

матеро́й, -ая, -о́е (*полный сил*) тануманд, калон, бақувват (*одатан дар бораи ҳайвонот*)

матёрчатый, -ая, -ое газворӣ, матоӣ; ~ **переплёт** муқоваи матоӣ

матёрый, -ая, -ое 1. *см.* **матеро́й**; 2. *перен.* гузаро, ашаддӣ, рафта истодагӣ, ислохнашаванда; ~ **престу́пник** ҷинояткори гузаро; ~ **враг** душмани ашаддӣ

мать *ж уст. высок.* волида ◇ ~ **бо́жия!** *в знач. межд. уст.* аҷабо!, оббо!

мати́ровать *несов. что* (*делать матовым*) хира (тира, беҷило) кардан; ~ **стекло́** шишаро хира кардан

матирова́ться *несов. страд.* хира (тира) карда шудан

мати́ца *ж* 1. *стр.* шоҳпули иморат 2. *обл.* (*часть невода*) моҳидони тури моҳигирӣ

ма́тк||а *ж* 1. [ҳайвони] мода; **верблю́жья** ~**а** шутури мода; **племенна́я** ~**а** ҳайвони модаи зотӣ 2. *пчел.* малика 3. *анат.* бачадон, раҳим; **заги́б** ~**и** беҷошавии бачадон 4. *с.-х. разг.* растании тухмӣ 5. *прост.* (*мать*) модар, оча, она 6. *обл.* (*компас*) қутбнамо, компас

матло́т I *м см.* **матело́т**

матло́т II *м* матлот (1. *навъи рақси матросӣ ва мусиқии он* 2. *кул. моҳибирьёни серқайла*)

ма́товость *ж* хирагӣ, тирагӣ, беҷилоӣ; ~ **стекла́** хирагии шиша

ма́тов||ый, -ая, -ое 1. хира, тира, беҷило; ~**ый шёлк** шоҳии беҷило 2. (*о цвете кожи*) сафедтоб; ~**ый цвет лица́** ранги сафедтоби руй 3. мулоим, бетобиш; ~**ое освеще́ние** рушноии мулоим 4. ношаффоф, ғайришаффоф, хира; ~**ое стекло́** шишаи ношаффоф

ма́точник *м* 1. *пчел.* хоначаи малика 2. *с.-х.* молхона 3. *с.-х.* тухмӣ; ~ **огурцо́в** бодиринги тухмӣ 4. *бот.* ҷаниндон

ма́точн||ый, -ая, -ое 1. ...и мода, ...и модиён; ~**ое поголо́вье ове́ц** саршумори гусфандони мода 2. *пчел.* ...и малика; ~**ая яче́йка в со́тах** хоначаи малика 3. *мед., анат.* ...и бачадон, ...и раҳим

матра́с *м* матрас, бистар; **волосяно́й** ~ матраси муин; **пружи́нный** ~ матраси пружиндор

матра́сик *м уменьш. к* **матра́с**

матра́сник *м разг.* ҷилди матрас

матра́сн||ый, -ая, -ое матрасӣ, ...и матрас; ~**ая ткань** матои матрасбоб

матра́ц *м см.* **матра́с**

матрёшка *ж разг.* матрёшка, лӯхтаки чубин

матриарха́льн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и матриархат, матриархатӣ, ...и модаршоҳӣ; ~**ые отноше́ния** муносибатҳои матриархатӣ

матриарха́т *м ист.* матриархат, модаршоҳӣ (*яке аз шаклҳои ҷамоати авлодии ибтидоӣ, ки дар он гуруҳҳои авлодӣ дар заминаи хешони насли модарӣ гирд меомаданд ва дар онҳо зан мақоми ҳукмрон дошт*)

матримониа́льн||ый, -ая, -ое *книжн.* (*брачный*) ...и заношуӣ, никоҳӣ, ...и никоҳ; ...и зангирӣ; ~**ые наме́рения** нияти зангирӣ

ма́трица *ж* матрица, қолиб (1. *тех. қолиби рехтагарӣ* 2. *полигр. лавҳаи ҳарфҳои чидашуда*); **печа́тать с ма́триц** аз қолиб чоп кардан

матрици́рование *с полигр.* (*по знач. гл.* **матрици́ровать**) қолиб тайёр кардан(и); ~ **пе́ред печа́тью** пеш аз чоп қолиб сохтан(и)

матрици́ровать *сов., несов., что полигр.* қолиб сохтан (тайёр кардан); ~ **набо́р** ҳарфҳои чидашударо қолиб кардан

матрици́роваться *несов. страд.* қолиб карда шудан

ма́тричный, -ая, -ое *полигр.* ...и қолиб; ~ **пресс** пресси қолиб; ~ **карто́н** картони қолиб

матро́на *ж уст.* 1. (*мать семейства*) бону (*дар Рими Қадим*); 2. (*о почтенной женщине*) хотун, хонум, бибӣ, бика

матро́с *м* баҳрчӣ, маллоҳ; **служи́ть** ~**ом** маллоҳ шуда хизмат кардан

матро́ска *ж* 1. куртаи маллоҳӣ 2. *уст. разг.* зани маллоҳ

матро́сский, -ая, -ое маллоҳӣ, ...и маллоҳ

ма́тушк||а *ж* 1. *уст.* модар 2. *обращ. уст. разг.* модар, модарҷон, очаҷон, 3. *уст. разг.* (*жена священника*) зани поп 4. *фольк.* модар, азиз; ~**а-Москва́** Москваи азиз, Москваҷон ◇ ~**и** [**мо́й**]!, ~**и светы!** *в знач. межд.* во аҷабо!, вой!, вой дод!

ма́тушкин, -а, -о ...и модар, аз они модар

матч *м спорт.* вохурӣ, **мусоби́қа**; **футбо́льный** ~ вохурии футбол

ма́тчевый, -ая, -ое ...и вохурӣ, ...и мусобиқа

мать *ж* 1. модар, оча, она, волида; **многоде́тная** ~ модари серфарзанд (сербача); **лиши́ться ма́тери** бе модар мондан; **стать ма́терью** модар (бачадор) шудан 2. [ҳайвони] мода, оча; **ягня́та бро́сились к матеря́м** барраҳо ба суи очаҳояшон тохтанд 3. *обращ. прост.* (*чаще со сл.* «*моя*») модар, модарҷон, очаҷон; **ты,** ~ **моя, не то де́лаешь!** ту, модарҷон, кори дигаре карда истодаӣ! 4. *обращ. разг.* модарҷон; **посто́й,** ~**!** модарҷон, истед! 5. *уст.* (*жена священника*) зани поп 6. *уст.* (*монахиня*) роҳиба 7. *фольк.* модар, азиз; **Ро́дина-**~ Модар-ватан ◇ ~**-герои́ня** қаҳрамонмодар; ~**-одино́чка** модари танҳо; **крёстная** ~ модархонди таъмидӣ; **посажёная** ~ модарвакил; **приёмная** ~ модархонд; ~ **честна́я!** *в знач. межд. прост.* оҳ!, ӯҳӯ!, воҳ!, во аҷабо; **всоса́ть (впита́ть) с молоко́м ма́тери** бо шири модар даромадан; **в чём** ~ **родила́** *прост.* бараҳна, луб-луч, лухти модарзод

мать-и-ма́чеха *ж бот.* шанбалид

ма́узер *м* маузер (*навъи таппончаи автоматӣ*)

мах I *м* 1. (*взмах*) афшониш, афшондан(и); ~ **кры́льев** болафшонӣ 2. (*оборот*) гардиш, чархзанӣ; ~ **колеса́** гардиши чарх 3. (*шаг животного*) қадампартоӣ, рафтор; **конь шёл ро́вным широ́ким** ~**ом** асп калон-калон мавзун қадам партофта мерафт ◇ **одни́м** [**еди́ным**] ~**ом, с одного́** [**еди́ного**] ~**у** якбора, зуд, фавран; **во весь** ~ тез, тозон, чорхез тохта; **с** ~**у** 1) кулоч кашида, кашидаву кушода; **уда́рить с** ~**у** кулоч кашида задан 2) якбора, фикр накарда, беэҳтиётона; **с** ~**у дать согла́сие** фикр накарда розигӣ додан; **со всего́** ~**у** кулоч кашида, кашидаву кушода; **дать** ~**у** хато (ғалат) кардан

мах II *межд. в знач. сказ. разг.* афшонд, пар зад; **пти́чка** — ~ **кры́льями и улете́ла** парранда як бол афшонду парида рафт

махайро́д *м* махайрод; *см.* **саблезу́бый (саблезу́бый тигр)**

маха́льный *м* (*сигнальщик*) сигналдиҳанда, хабардиҳанда, огоҳкунанда (*бо ҷунбондани чизе дар ҳаво*)

маха́льщик *м см.* **маха́льный**

маха́ние *с* (*по знач. гл.* **маха́ть** 1) афшониш, афшондан(и), ҷунбониш, ҷунбондан(и); ~ **кры́льями** болафшонӣ, парзанӣ

махао́н *м зоол.* махаон (*шапалаки калони зарде, ки холҳои сиёҳ дорад*)

маха́||ть *несов.* 1. *чем* афшондан, ҷунбондан; **гу́си** ~**ли кры́льями** ғозҳо бол меафшонданд; ~**ть руко́й** даст ҷунбондан 2. *чем, кому* (*подзывать*) бо даст имо кардан, бо даст назди худ ҷеғ задан 3. *прост.* роҳи дарозеро тай кардан; **нам ещё киломе́тров де́сять** ~**ть до го́рода** мо то ба шаҳр расидан бояд боз ягон даҳ километр роҳ равем

махи́зм *м филос.* махизм (*ҷараёни субъективии идеалистӣ дар фалсафа ва физикаи назариявии охири асри* 19)

махи́н||а *ж разг.* чизи калон (калонҷусса), ҷисми калон; **мы с трудо́м убра́ли отсю́да э́ту** ~**у** мо ин чизи калонро ба зур аз ин ҷо бардоштем

махинаци||я *ж* ҳила, найранг, макр, кори маккорона, дасиса, кори нопок; **гря́зные** ~**и** корҳои нопок (ифлос)

махист *м филос.* махист, пайрави махизм

махну||ть *сов.* 1. *однокр. к* **махать** 1; **~ть платком** руймол афшондан 2. *разг.* хез задан, паридан, ҷаҳидан, худро якбора партофтан; **~ть через забор** аз болои девор ҷаҳида гузаштан; **заяц мгновенно ~л в сторону** харгуш якбора ба тарафе хез зад 3. *прост.* рафтан, раҳсипор шудан; **махнём-ка летом в Крым!** тобистон ба Қрим равем-чӣ! ◇ **~ть рукой на кого-что-л.** аз баҳри касе, чизе гузаштан; **~ть на всё рукой** аз баҳри ҳама чиз (кор) гузаштан, аҳамият надодан

маховик *м тех.* сарчархак, чархи калон, гардона

махов||ой, -ая, -ое: **~ое колесо** *см.* **маховик**; **~ые перья** *зоол.* шоҳпар; **~ая сажень** *уст.* қулоч

махонький, -ая, -ое *прост.* майдаяк, хурдтарак, реза

махорка *ж* тутун; тамоку

махорочный, -ая, -ое ...и тутун; **~ дым** дуди тутун

махотка *ж обл. (глиняный горшок)* хурмача

махра *ж прост. см.* **махорка**

махров||ый, -ая, -ое 1. *бот.* садбарг; **~ая роза** гули садбарг 2. *(о ткани)* патдор, пашмдор; **~ая простыня** ҷойпуши патдор 3. *перен.* гузаро, ашаддӣ, бадтарин; **~ый реакционер** реакционери ашаддӣ

махр||ы *мн. прост.* 1. шилшила, пупак; **платок с ~ами** руймоли шилшиладор 2. *(лохмотья, клочья)* чизи убада, ҷиғда-ҷиғда

маца *ж* маца *(нони тунуки бенамаки гандум, ки аз руи одати динии яҳудиён дар иди писҳо пухта мешавад)*

мачеха *ж* модарандар, моиндар, модари угай

мачт||а *ж* 1. *мор.* сутуни (тири) киштӣ; **~ы корабля** сутунҳои киштӣ 2. *тех.* манора, бурҷ; бурҷҳои радиостанция

мачтовой *м мор.* матроси дидбон *(дар болои сутуни киштӣ)*

мачтов||ый, -ая, -ое 1. ...и сутуни киштӣ; **~ые огни** чароғҳои сутуни киштӣ 2. ...и сутуни киштибоб; **~ый лес** дарахтони сутуни киштибоб 3. *мор.* ...и сутун, ...и тир; **~ый матрос** матроси дидбон *(дар болои сутуни киштӣ)*

машин||а *ж* 1. мошин, мошина; **печатная ~а** мошини чоп; **хлопкоуборочная ~а** мошини пахтачинӣ; **швейная ~а** мошинаи чокдузӣ; **ехать на ~е** бо мошин рафтан 2. *перен.* машина; **государственная ~а** машинаи давлатӣ; **военная ~а** машинаи ҳарбӣ 3. *уст. (механический орган)* арғунуни механикӣ *(асбоби мусиқӣ)* ◇ **адская ~а** *уст.* мошини таркиш; **как заведённая ~а** мошин барин, якзайл, беист; фикр накарда

машинально *нареч.* бешуурона, беихтиёрона; **делать что-л. ~** кореро беихтиёрона кардан

машинальность *ж* бешуурона (беихтиёрона) будан(и); **~ жестов** бешуурона будани ишораҳо

машинальн||ый, -ая, -ое (машинал|лен, -льна, -льно) бешуурона, беихтиёрона; **~ые движения** ҳаракатҳои беихтиёрона

машинизация *ж (по знач. гл.* **машинизировать***)* мошинкунонӣ; **~ сельского хозяйства** мошинкунонии хоҷагии қишлоқ

машинизировать *сов., несов. что* мошинӣ кунондан; **~ уборку хлопка** мошинӣ кунондани пахтачинӣ

машинизироваться *несов. страд.* мошинӣ кунонда шудан

машинист *м* 1. мошинист, идоракунандаи мошин; **~ крана** мошинисти крани борбардор 2. *ж.-д.* мошинист, ронандаи локомотив

машинистка *ж* мошинистка

машинка *ж* 1. *уменьш. к* **машина** 1; **швейная ~** мошинаи чокдузӣ 2. мошинча *(асбоб)*; **~ для точки лезвий** мошинчаи теғтезкунӣ 3. *(пишущая)* мошинкаи чоп

машинно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба мошин нисбат доштанро ифода мекунад:* **~-тракторный** ...и мошину тракторҳо

машинно-тракторный, -ая, -ое ...и мошину тракторҳо; **~ парк** парки мошину тракторҳо

машинн||ый, -ая, -ое мошинӣ, ...и мошин; **~ое производство** истеҳсолоти мошинӣ; **~ое отделение** шуъбаи мошинҳо; **~ые масла** равғанҳои мошин; **~ый сев** кишти мошинӣ ◇ **~ый перевод** тарҷумаи мошин

машиновед *м* мошиншинос, мутахассиси мошиншиносӣ

машиноведение *с* [илми] мошиншиносӣ

машинописный, -ая, -ое ...и чопи мошинка; **~ текст** матни чопи мошинка

машинопис||ь *ж* 1. чопи мошинка; **курсы ~и** курси чопи мошинка 2. *(текст)* матни чопи мошинка

машиностроение *с* мошинсозӣ; **тяжёлое ~** мошинсозии вазнин; **атомное ~** мошинсозии атомӣ

машиностроитель *м* мошинсоз

машиностроительн||ый, -ая, -ое ...и мошинсозӣ; **~ая промышленность** саноати мошинсозӣ

машиносчётный, -ая, -ое ...и ҳисоббарории мошин, бо мошин ҳисобкунанда, ...и ҳисоби мошинӣ

машистый, -ая, -ое васеъ, кушод, калон, калон-калон *(оид ба ҳаракати даст ё пой)*

маштак *м (небольшая плотная лошадь)* аспак; **буланый ~** аспаки саманд

маэстро *м нескл.* маэстро, устод *(дар мусиқӣ, шоҳмот ва ғ.)*

маяк *м* 1. мино, минои баҳрӣ *(фонуси роҳнамои дарьёӣ)*; **плавучий ~** минои шиновар; **огонь ~а** чароғи мино 2. *перен.* рамз, аломат, нишона

маятник *м* раққосак, лангари соат; **стенные часы с ~ом** соати девории лангардор; **физический ~** раққосаки физикӣ

маятников||ый, -ая, -ое раққосакдор, лангардор; **~ые часы** соати лангардор ◇ **~ый прибор** *физ.* асбоби раққосак

маять *несов. кого прост.* хаста (монда) кардан, азият додан

маяться *несов. прост.* 1. хаста (монда) шудан, азият кашидан 2. *чем* касал (бемор) будан; **~ животом** дарди шикам доштан 3. азоб кашидан; **~ в одиночестве** аз танҳоӣ азоб кашидан

маячи||ть *несов. разг.* намудор будан; **вдалеке ~ли заводские трубы** аз дур дудкашҳои завод намудор буданд

маячиться *несов. прост. см.* **маячить**

маячн||ый, -ая, -ое ...и мино; **~ая башня** манораи мино

мга *ж обл.* туман, ғубор; **река покрылась мгою** дарьёро туман фаро гирифт

мгла *ж* 1. туман, ғубор, хокборон; **пыльная ~** чангу ғубор 2. торикӣ, тирагӣ, хирагӣ; **ночная ~** торикии шаб; **над горами нависла ~** болои куҳҳоро торикӣ фаро гирифт

мглист||ый, -ая, -ое (мглист, -а, -о) тира, хира; **~ое небо** осмони тира; **утро было ~ое** субҳ хира буд

мгновение *с* 1. лаҳза, дам, он 2. *мн.* **мгновенья** вақт, айём, рӯзҳо; **это были лучшие мгновенья в его жизни** он вақт беҳтарин айёми ҳаёти вай буд ◇ **в ~ ока** дар як мижа задан; **в одно (в единое) ~** якбора, бисьёр тез, дар як он; **в то же ~** дар айни ҳамон лаҳза

мгновенно *нареч.* якбора, бисьёр тез, дар як он

мгновенн||ый, -ая, -ое (мгновен|ен, -на, -но) 1. зудгузаранда, кутоҳмуддат, яклаҳзаӣ; **~ый дождь** борони кӯтоҳмуддат 2. ногаҳонӣ, якбора, фаврӣ; **~ое решение** қарори фаврӣ; **~ая смерть** марги муфоҷот ◇ **~ые согласные** *лингв.* ҳамсадоҳои таркандa *(мас.* б, п, т)

меандр *м* 1. *геол.* хамгашти дарьё 2. *иск.* нақши ҳандасӣ

мебел||ь *ж* мебель, асбоби бисоти хона; **мягкая ~ь** мебели нарм; **~ь красного дерева** мебели баққамӣ; **производство ~и** истеҳсоли мебель; **расставить ~ь** мебельро ҷо ба ҷо гузоштан ◇ **для ~и** барои намуд

мебельн||ый, -ая, -ое ...и мебель, ...и мебельсозӣ; **~ый магазин** магазини мебель; **~ая фабрика** фабрикаи мебельсозӣ

мебельщик *м* мебельсоз

меблированн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* мебельдор; **комната, ~ая с большим вкусом** хонаи бо мебель нағз ҷиҳозонидашуда 2. *прил.* мафруш ◇ **~ые комнаты** меҳмонхонаи мафруш *(дар Россияи тореволюционӣ меҳмонхонаи арзон)*

меблировать *сов., несов. что* мебельдор кардан, бо мебель ҷиҳозонидан: **~ комнату** хонаро мебельдор кардан

меблироваться *несов. страд.* мебельдор карда шудан

меблировка *ж* 1. (*по знач. гл.* **меблировать**) бо мебель чиҳозонидан(и); ~ **квартиры** бо мебель чиҳозонидани хона 2. (*мебель*) мебель, асбоби бисоти хона

мега: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои:* 1) *як миллион карат зиёдтар аз воҳиди асосӣ* — **мегаватт** мегаватт (*як миллион ватт*); 2) *азим, хеле калон* — **мегамир** мегаолам

мегаспоры *мн.* (*ед.* **мегаспора** *ж*) *бот.* мегаҳогҳо

мегатонна *ж* мегатонна (*як миллион тонна*)

мегафон *м* мегафон (*карнаи махсус барои баланд кардани овоз*)

мегера *ж* занаки шаттоҳ (арбадаҷӯ, ҷаигара, ҷанҷолчӣ)

мегрел *м* мегрел; *см.* **мегрелы**

мегрелка *ж* мегрелзан, мегрелдухтар, зани (духтари) мегрел; *см.* **мегрелы**

мегрелы *мн.* мегрелҳо, мингрелҳо (*сокинони таҳҷоии Гурҷистони Ғарбӣ*)

мегрельский, -ая, -ое мегрелӣ, ...и мегрелҳо, ...и мингрелҳо

мёд *м* 1. асал, шаҳд; **сотовый** ~ асали асил; **цветочный** ~ асали гул 2. (*хмельной напиток*) шарбат ◇ **не** ~ *в знач. сказ.* форам не, осон не, душвор, машаққатнок; **питаться акридами и [диким]** ~**ом** нимгурусна гаштан, нокифоя хӯрок хӯрдан; **твоими (вашими) бы устами да** ~ **пить** *погов.* ≈ шакар ба даҳонатон

мед: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «тиббӣ»:* **медпункт** пункти тиббӣ, медпункт

медалист *м* медальдор (1. *шк. тамомкунандаи мактаб, ки барои аълохониаш медаль гирифтааст* 2. *ҳайвони хонагие, ки ба вай дар выставка медаль мукофот додаанд*)

медаль *ж* медаль; **золотая** ~ медали тилло; **серебряная** ~ медали нуқра; **нагрудная** ~ медали сари сина; **наградить** ~**ю** бо медаль мукофотонидан ◇ **оборотная сторона медали** бадии коре (чизе)

медальер *м* медальсоз

медальный, -ая, -ое медалӣ, ...и медаль

медальон *м* медальон (*қуттичаи мудаввари металлӣ, ки дар дарунаш сурат гузошта ба гардан меовезанд*); **золотой** ~ медальони тилло

медведиха *ж прост. см.* **медведица**

медведица *ж* хирси мода, модахирс; ~ **с медвежонком** модахирс бо хирсбача ◇ **Большая Медведица** *астр.* Дубби Акбар, Ҳафт Додарон; **Малая Медведица** *астр.* Дубби Асғар

медведка *ж зоол.* гусоласар

медвед||ь *м* 1. хирс; **белый** ~**ь** хирси сафед; **бурый** ~**ь** хирси сиёҳ 2. *уст. разг.* (*медвежий мех*) пӯсти хирс; **шуба на** ~**е** пустини пӯсти хирс 3. *перен. разг.* одами даванг (лаванд); одами беодоб (тарбиянадида) ◇ ~**ь на ухо наступил** *кому* гушаш вазнин, дар мусиқӣ ҳафтафаҳм; **делить шкуру неубитого** ~**я** *погов.* ≈ бача дар сафар, номаш Музаффар

медвежатина *ж* гӯшти хирс

медвежатник *м* 1. (*охотник*) хирсгир, хирсшикор 2. (*вожак дрессированного медведя*) хирсбоз, хирсбон 3. (*помещение для медведей*) хирсхона, хонаи хирсҳо (*дар боғи ҳайвонот*)

медвеж||ий, -ья, -ье 1. ...и хирс; (*из шкуры медведя*) ...и пӯсти хирс; ~**ий след** паи пои хирс; ~**ьи когти** чанголҳои хирс; ~**ья шуба** пӯстини пӯсти хирс 2. *перен.* хирсона, хирсмонанд; ~**ья походка** гашти хирсона 3. *қисми таркибии номҳои баъзе наботот:* ~**ий виноград** ангури хирс ◇ ~**ья болезнь** *шутл.* исхол (*дарунравӣ аз тарс*); ~**ий угол** *уст.* гушаи дурдасти хилват; ~**ья услуга** хизмати хирсона (*ба ҷои нафъ зарар расондан*)

медвежонок *м* 1. бачаи хирс, хирсбача 2. *перен. разг.* бачаи лаванд

медвян||ый, -ая, -ое 1. хушбуй, муаттар; ~**ый запах трав** буи хуши алафҳо 2. *фольк.* ...и асал, асалӣ; ~**ое питьё** шарбати асал ◇ ~**ая роса** *бот.* шакарак

медеплавильн||ый, -ая, -ое ...и мисобкунӣ, ...и мисгудозӣ; ~**ая промышленность** саноати мисгудозӣ

медеплавильщик *м* коргари мисобкунанда, мисгудоз

медиана *ж мат.* амуди секунҷа

медиатор *м муз.* мизроб

медиевистика *ж* медиевистика (*фасли фанни таърих, ки таърихи асрҳои миёнаи Европаи Ғарбиро меомӯзад*)

медик *м разг.* 1. (*врач*) духтур, доктор 2. (*студент*) донишҷӯи тиб

медикаменты *мн.* (*ед.* **медикамент** *м*) дору, даво, дармон

медико- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «мансуб ба тиб»:* ~**-санитарный** тиббии санитарӣ

мединститут *м* институти тиббӣ

медиум I *м* медиум (*аз рӯи тасаввуроти хурофии спиритҳо — шахсе, ки байни одамон ва «рӯҳҳо» воситачӣ аст*)

медиум II *м муз.* лаҳни васат

медицина *ж* таиб; **практическая** ~ тибби амалӣ; **судебная** ~ тибби судӣ

медицинск||ий, -ая, -ое тиббӣ, ~**ая помощь** ёрии тиббӣ; ~**ий пункт** пункти тиббӣ; ~**ая сестра** ҳамшираи тиббӣ

медичка *женск. к* **медик** 2

медкомиссия *ж* комиссияи тиббӣ

медленно *нареч.* оҳиста, оҳиста-оҳиста

медленность *ж* оҳистагӣ, сустӣ, оҳиста (суст) будан(и); ~ **движений** сустии ҳаракат

медленн||ый -ая, -ое (медлен *и* -ен, -на, -но) оҳиста, суст; сустҳаракат; ~**ое течение реки** ҷараёни сусти дарьё; **идти** ~**ым шагом** оҳиста қадам мондан; ~**ый в движениях** сустҳаракат ◇ **на** ~**ом огне** (**варить** *и т. п.*) дар олави паст (пухтан *ва ғ.*)

медлительность *ж* оҳистагӣ, сустӣ; ~ **движений** сустии ҳаракат

медлительный, -ая, -ое (медлите|лен, -льна, -льно) оҳиста, суст; сустҳаракат; ором(она); ~ **человек** одами сустҳаракат

медлить *несов.* сустӣ кардан, ба таъхир андохтан, кашол додан, дер кардан; **больше** ~ **нельзя** дигар сустӣ кардан мумкин нест

медник *м* мисгар

медницк||ий, -ая, -ое 1. ...и мисгарӣ, ...и мисгар; ~**не работы** мисгарӣ 2. *в знач. сущ.* **медницкая** *ж* дӯкони мисгарӣ

медно: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «мансуб ба мис»:* **меднолитейный** мисгудоз, ...и мисгудозӣ; **меднопрокатный** ...и прокати мис, миспрокаткунонда

медно-красн||ый, -ая, -ое мис барин сурх, сурхи зардтоб; ~**ые волосы** мӯйҳои мис барин сурх

меднолитейный, -ая, -ое мисгудоз, ...и мисгудозӣ, мисобкунанда, ...и мисобкунӣ; ~ **завод** заводи мисгудозӣ

меднолитейщик *м* коргари мисобкунанда, мисгудоз

меднолобый, -ая, -ое *разг.* аҳмақ, беақл, каллакаду

меднопрокатный, -ая, -ое ...и прокати мис, миспрокаткунанда; ~ **цех** цехи прокати мис

медн||ый, -ая, -ое 1. ...и мис, мисдор, ...и мисбарорӣ; ~**ый слиток** сабикаи мис; ~**ая руда** маъдани мис 2. (*из меди*) мисин, мисӣ, ...и мис; ~**ые деньги** пули мисӣ, пули сиёҳ; ~**ая посуда** зарфи мисин, мисина 3. (*красно-жёлтый*) сурхи зардтоб ◇ ~**ый век** *археол.* асри мис; ~**ый купорос** *хим.* даҳани фаранг; ~**ый лоб** *бран.* аҳмақ, каллакаду, каллаварам; **гроша** ~**ого не стоит** ба як пули сиёҳ (пучак) ҳам намеарзад; якпула чиз; **на** ~**ые деньги учиться** *уст.* бо мӯхтоҷӣ таҳсил карда, маълумоти нокифоя гирифтан

медовар *м* шарбатпаз

медоварение *с* шарбатпазӣ

медовуха *ж обл.* шарбати асал

медов||ый, -ая, -ое 1. асалӣ, ...и асал, шаҳдӣ, ...и шаҳд; ~**ые соты** хоначаҳои мумии занбӯри асал 2. асалӣ, асалдор; ~**ые пряники** пряникҳи асалдор 3. хушбуй, муаттар 4. *перен.* аз ҳад зиёд ширин, ширини ғализ, тамаллуқомез; **говорить** ~**ым голосом** бо овози тамаллуқомез гап задан ◇ ~**ый месяц** моҳи асал

медок *м разг. ласк. к* **мёд** 1

медонос *м бот.* растании асалдор, **увеличить посевы** ~**ов** кишти растаниҳои асалдорро зиёд кардан

медоносн||ый, -ая, -ое (медонос|ен, -на, -но) 1. *бот.* асалдор; ~**ые растения** растаниҳои асалдор 2. ...и асал, асалдиҳанда, асал тайёркунанда; ~**ые пчёлы** занбӯрҳои асал

медосбор *м* 1. ширағундорӣ; вақти ширағундорӣ 2. асали ғундошташуда

медосмотр *м* муоинаи тибби; **пройти** ~ аз муоинаи тиббӣ гузаштан

медоточи́в||ый, -ая, -ое (медоточив, -а, -о) *уст.* бисьёр ширин, ширини ғализ, шаҳдгуфтор, шакаррез; ~**ые ре́чи** суханҳои бисьёр ширин

медперсона́л, *м* кормандони тиббӣ; **ста́рший** ~ кормандони калони тиббӣ

медпу́нкт *м* пункти тиббӣ, медпункт

медресе́ *с нескл.* мадраса; **он учи́лся в** ~ вай дар мадраса таҳсил мекард

медсанба́т *м* (медико-санитарный батальон) батальони тиббии санитарӣ, медсанбат

медсестра́ *ж* ҳамшираи тиббӣ

меду́за *ж зоол.* медуза *(ҷонвари баҳрии нармбадан)*

меду́ница *ж бот.* шаҳдак, шаҳдбӯ

медь *ж* 1. мис *(элементи химиявӣ, металл)*; **чи́стая** ~ миси холис 2. *собир.* мисина, зарфҳои мисин 3. *собир.* пули мисӣ, пули сиёҳ

медя́к *м разг.* пули мисӣ, пули сиёҳ

медя́ница *ж зоол.* 1. боҳтур 2. канаи барг

медя́нка *ж* 1. курмор 2. *обл. (гадюка)* мори афъӣ 3. *обл. см.* **медя́ница** 1; 4. *(род зелёной краски)* ранги зангор

медя́шка *ж прост.* 1. *(медная монета)* пули мисӣ, пули сиёҳ 2. *(медная бляха)* нишони мисин

меж *предлог. см.* **ме́жду**; ~ **высо́ких со́сен** дар мобайни дарахтони баланди санавбар

меж: *см.* **между**:; **межзона́льный** байниминтақавӣ

межа́ *ж* 1. *(граница участка)* рош, вот, марза, ҳад 2. *см.* **межпо́лосье**

межбиблиоте́чный, -ая, -ое байникитобхонагӣ, ...и байни китобхонаҳо; ~ **обме́н** мубодилаи байни китобхонаҳо; ~ **абонеме́нт** абонементи байниқитобхонагӣ

межбро́вье *с* байни абрӯвон

межве́домственный, -ая, -ое *см.* **междуве́домственный**

межвидов||о́й, -а́я, -о́е, *биол.* ...и байни намудҳои гуногун; ~**а́я гибридиза́ция** гибридизацияи байни намудҳои гуногун

междоме́тие *с грам.* нидо

междоме́тн||ый, -ая, -ое *грам.* ...и нидо, нидоӣ; ~**ое предложе́ние** ҷумлаи нидоӣ

междоу́злие *с бот.* буғум

междоусо́бие *с уст.* ҷанги дохилӣ, низои байнихудӣ

междоусо́бица *ж см.* **междоусо́бие**

междоусо́бн||ый, -ая, -ое *уст.* дохилӣ, байнихудӣ; ~**ые во́йны** ҷангҳои дохилӣ

ме́жду *предлог. с тв., род.* байни..., дар байни..., мобайни..., миёни..., дар миёни..., дар миёнаи...; **стол стоя́л в простéнке** ~ **о́кнами** стол дар байни ду тиреза меистод; ~ **кни́гами ему́ попа́лась ста́рая ру́копись** дар миёни китобҳо дастнависи қадиме ба дасти вай афтод; **доро́га** ~ **Ташке́нтом и Душанбе́** роҳи байни Тошканду Душанбе; **он придёт** ~ **ча́сом и двумя́** вай байни соатҳои як у ду меояд; **поле́мика** ~ **учёными** мубоҳисаи байни олимон; **посове́товаться** ~ **собо́й** байни худ маслиҳат кардан; ~ **ни́ми ра́зница в два го́да** синни онҳо ду сол фарқ мекунад ◇ ~ **де́лом (дел)** дар байни кор, кор карда истода; ~ **на́ми** дар байни мо; **пусть э́то оста́нется** ~ **на́ми** ин гап байни мо монад; ~ **на́ми** [**говоря**] *в знач. вводн. сл.* гапи байни худамон; ~ **про́чим** 1) *нареч. (попутно)* зимнан; **заниматься каки́м-л. де́лом** ~ **про́чим** зимнан бо коре машғул шудан 2) *в знач. вводн. сл. (кстати)* зимнан, дар омади гап; ~ **про́чим, мы́ спроси́ли его́ и об э́том** зимнан мо аз у инро ҳам пурсидем; ~ **тем** дар зимни он; **а** ~ **тем** *союз против.* ва ҳол он ки...; ~ **тем как** *союз сопост.* дар ҳақиқат, ва ҳол он ки...

между: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «байн, мобайн»*: **междугоро́дный** байнишаҳрӣ, ...и байни шаҳрҳо

междуве́домственн||ый, -ая, -ое байниташкилотӣ, байниидоравӣ, ...и байни ташкилотҳо (идораҳо); ~**ая перепи́ска** мукотибаи байниидоравӣ; ~**ая коми́ссия** комиссияи байниидоравӣ

междугоро́дный, -ая, -ое байнишаҳрӣ, ...и байни шаҳрҳо; ~ **телефо́н** телефони байни шаҳрҳо

междунаро́дник *м разг.* воқеанигори (шореҳи) байналхалқӣ

междунаро́дн||ый, -ая, -ое, байналхалқӣ; **Междунаро́дный же́нский день** Рузи Байналхалқии Занон; ~**ое положе́ние** аҳволи байналхалқӣ; ~**ое пра́во** ҳуқуқи байиалхалқӣ

междуре́чье *с* миёни ду дарьё, байнаннаҳрайн; ~ **Амударьи́ и Сырдарьи́** байни дарьёҳои Ому ва Сир

междуря́дн||ый, -ая, -ое *с.-х.* байниқаторӣ, ...и байни ду қатор, ...и байни ду ҷуяк; ~**ая обрабо́тка хло́пка** кори байни қаторҳои пахта

междуря́д||ье *с с.-х.* байни қаторҳо, байни ду ҷуяк; **обрабо́тка** ~**ий** кори байни қаторҳо

междуца́рствие *с* давраи беподшоҳӣ *(давраи байни ҳукмронии ду подшоҳ, ки тахт холӣ монда бошад)*

междуэта́ж||ный, -ая, -ое байниошьёнагӣ, ...и байни ошьёнаҳо, ...и байни қабатҳо; ~**ое перекры́тие** болопуши байни ошьёнаҳо

межева́ние *с (по знач. гл.* **межева́ть** *и* **межева́ться)** рошкашӣ, воткашӣ, марзакашӣ, ҳадгузорӣ

межева́ть *несов. что* рош (вот, марза) кашидан, ҳад гузоштан; ~ **колхо́зные зе́мли** заминҳои колхозиро рош кашидан

межева́ться *несов.* 1. рош (вот, марза) кашидан, ҳад гузоштан 2. *страд.* рош (вот, марза) кашида шудан

межеви́к *м (землемер)* рошкаш, воткаш, марзакаш, ҳадгузор, танобчӣ

межёвка *ж разг. см.* **межева́ние**

межев||о́й, -ая, -о́е ...и рош, ...и вот, ...и марза, ...и ҳад, чудокунанда; ~**о́й столб** сутуни марза; ~**а́я кана́ва** ҷуи рош, ҷуи ҷудокунанда; ~**ы́е за́писи** қайдҳои оид ба ҳад; ~**о́й инструме́нт** асбоби марзакашӣ

межевщи́к *м см.* **межеви́к**

меже́нный, -ая, -ое пастоб; ~ **у́ровень реки́** пастобии дарьё, сатҳи пасттарини оби дарьё

меже́нь *ж* 1. пастобӣ *(оид ба дарьё, кул)* 2. давраи пастобӣ

межеу́мок *м* 1. *разг.* бенавъ; **лён**-~ зағири бенавъ 2. *разг. (неумный человек)* беақл, камақл 3. *обл. (вид грузового судна)* киштӣ

межеу́мочн||ый, -ая, ое *разг.* бенавъ; мобайнӣ; нимкора, чала; ~**ое реше́ние** қарори нимкора

межзаво́дский, -ая, -ое байнизаводӣ, ...*и байни заводҳо*; ~ **обме́н о́пытом** мубодилаи таҷриба байни заводҳо

межзаводск||о́й, -а́я, -ое *см.* **межзаво́дский**; ~**а́я конфере́нция** конференцияи байнизаводӣ

межзвёздн||ый, -ая, -ое байниситоравӣ; ~**ая среда́** муҳити байниситоравӣ

межзу́бный, -ая, -ое *лингв.* байнидандонӣ, ...и байни дандонҳо; ~ **звук** овози байнидандонӣ

межкла́ссовый, -ая, -ое байнисинфӣ

межкле́точн||ый, -ая, -ое *биол.* байниҳуҷайрагӣ; ~**ое вещество́** моддаи байниҳуҷайрагӣ

межколхо́зн||ый, -ая, -ое байниколхозӣ, ...и байни колхозҳо; ~**ый обме́н сорта́ми хло́пка** мубодилаи навъҳои пахта дар байни колхозҳо; ~**ая гидроэлектроста́нция** станцияи электрии байниколхозӣ

межконтинентальн||ый, -ая, -ое байниқитъавӣ, ...и байни қитъаҳо; ~**ая раке́та** ракетаи байниқитъавӣ

межко́стный, -ая, -ое *анат.* байниустухонӣ, ...и байни устухонҳо

межкраев||о́й, -а́я, -о́е байникишварӣ, ...и байни кишварҳо; ~**о́е совеща́ние** маҷлиси машваратии байни кишварҳо

межнациона́льн||ый, -ая, -ое дар байни миллатҳо буда, ...и байни миллатҳо; ~**ые свя́зи** алоқаҳои байни миллатҳо

межобластн||о́й, -а́я, -о́е байнивилоятӣ, ...и байни вилоятҳо

межпарла́ментск||ий, -ая, -ое байнипарламентӣ, ...и байни парламентҳо, ...и парламентҳо; ~**ая гру́ппа** гуруҳи намояндагони парламентҳо; ~**ий обме́н мне́ниями** мубодилаи афкор дар байни парламентҳо

межплане́тн||ый, -ая, -ое байнисайёравӣ, ...и байни сайёраҳо; ~**ое простра́нство** фазои байнисайёравӣ

межплеменно́й, -ая, -о́е байникалавӣ, байнитоифагӣ, ...и байни қабилаҳо (тоифаҳо)

межпозвоно́чн||ый, -ая, -ое *анат.* байнимуҳрагӣ, ...и байни муҳраҳои пушт; ~ **ое отве́рстие** сурохи байни муҳраҳои пушт

межпо́лосье *с с.-х.* замини шудгорнашудаи байни ду қитъа

межрайо́нн||ый, -ая, -ое байнирайонӣ, ...и байни районҳо; ~**ое совеща́ние** маҷлиси машваратии байнирайонӣ

межрёберн||ый, -ая, -ое *анат.* байниқабурғагӣ, ...и байни қабурғаҳо; **~ые свя́зки** бандҳои байни қабурғаҳо

межреспубликанск||ий, -ая, -ое байниреспубликавӣ, ...и байни республикаҳо; **~ое совеща́ние хлопкоробов** маҷлиси машваратии байниреспубликавии пахтакорон

межродов||о́й, -а́я, -о́е *биол.* байниҷинсӣ; **~ая гибридиза́ция** гибридизацияи байниҷинсӣ

межсессио́нный, -ая, -ое байнисессиявӣ, ...и байни сессияҳо; **~ комите́т** комитети байнисессиявӣ

межсою́знический, -ая, -ое ...и байни иттифоқчиён; **~ до́говор** шартномаи байни иттифоқчиён

межсою́зн||ый, -ая, -ое байнииттифоқӣ, ...и байни иттифоқҳо; **~ое совеща́ние** маҷлиси машваратии байни иттифоқҳо

мезга́ *ж* 1. пардаи таги пӯсти дарахт 2. тилф, тифола, кунҷора; **свекловичная ~** тилфи лаблабу

мездра́ *ж* 1. *(подкожная клетчатка у животных)* ғализа *(боқимондаи гушту равғани зери пуст)* 2. *(внутренняя сторона кожи)* тарафи чаппаи пуст (чарм)

мездри́ть *несов. что* ғализаро тарошидан *(дар даббоғӣ)*

мездро́вый, -ая, -ое ...и ғализа; **~ слой** қабати ғализаи пуст; **~ клей** елими пардаи зери пӯст

мезозо́й *м см.* **мезозо́йский (мезозо́йская э́ра)**

мезозо́йск||ий, -ая, -ое: **~ая э́ра** *геол.* давраи мезозой *(давраи миёнаи таърихи геологии Замин)*

мезо́н *м физ.* мезон *(зарраи ғайрисобити синфи аэронҳо)*

мезони́н *м* болохона; **дом с ~ом** хонаи болохонадор

мейстерзи́нгеры *мн.* *(ед.* **мейстерзи́нгер** *м) ист.* мейстерзингерҳо *(ҳофизон, шоирони олмон дар асрҳои миёна аз байни аҳолии шаҳрҳо, аксаран байни ҳунармандон)*

мексика́нец *м* мексикагӣ

мексика́нка *ж* мексикагизан, мексикагидухтар, зани (духтари) мексикагӣ

мексика́нский, -ая, -ое мексикагӣ, ...и Мексика

мексика́нцы *мн.* мексикагиҳо, сокинони Мексика

мектéб *м* мактаб

мел *м* бур, табошир; **бели́ть печь ~ом** печро бо бур сафед кардан

мела́нж *м* меланж (1. *геол. табақаи сангреза* 2. *хим. омехтаи кислотаҳои сери нитрат ва сулфат* 3. *кул. яхнии омехтаи зардию сафедии тухм* 4. *спец. калоба ё матои гуногуннах)*

мела́нжев||ый, -ая, -ое *текст.* меланжӣ, ...и меланж; **~ый комбина́т** комбинати меланжбарорӣ; **~ая пря́жа** калобаи меланжӣ

мелано́ма *ж мед.* доғи гулафшон, холи сиёҳи калон

меланхо́лик *м* 1. *мед.* молихулиёӣ, гирифтори касалии молихулиё 2. *(склонный к унынию человек)* одами дилтанг

меланхоли́ческ||ий, -ая, -ое 1. молихулиёӣ, ...и молихулиё; **~ий темпера́мент** мизоҷи молихулиёӣ 2. маъюс(она), ғамгин(она), ҳузновар; **~ое настрое́ние** табъи хира; **~ая пе́сня** суруди ҳузновар

меланхоли́чность *ж* маъюсӣ, ғам, ғусса, андуҳ

меланхоли́чный, -ая, -ое (меланхоли́ч|ен, -на, -но) *см.* **меланхоли́ческий** 2

меланхо́ли||я *ж* 1. *мед.* молихулиё *(навъи бемории руҳӣ)*; **страда́ть ~ей** гирифтори молихулиё будан 2. маъюсӣ, ғам, ғусса, ҳузн, андуҳ; **им овладе́ла ~я** у андуҳгин шуд ◊ **чёрная ~я** хотири парешон, ғаму ғусса

мела́сса *ж (кормовая патока)* тилфи лаблабуи қанд

меле́||ть *несов.* 1. пастоб (камоб) шудан, фуромадан; **река́ заме́тно ~ет** оби дарьё анча кам шуда истодааст 2. *перен. уст.* паст (ночиз) шудан, пастфитрат шудан

мелиорати́вн||ый, -ая, -ое мелиоративӣ, ...и мелиорация; **~ые мероприя́тия** чорабиниҳои мелиоративӣ

мелиора́тор *м* мелиоратор, мутахассиси мелиорация

мелиорацио́нный, -ая, -ое *см.* **мелиорати́вный**

мелиора́ция *ж* мелиорация *(маҷмӯи чорабиниҳо барои беҳтар намудани шароити табиии замин ва ҳосилхез кардани он)*

мели́сса *ж бот.* лимугиёҳ, наънои лимуӣ

мели́ть *несов. что* бур (табошир) молидан

ме́лк||ий, -ая, -ое (ме́л|ок, -ка, -ко) 1. хурд, майда, реза, маҳин; **~ий песо́к** реги маҳин, сурмарег; **~ий дождь** борони реза; **~ие сорта́ я́блок** навъҳои майдаи себ 2. *тк. полн. ф.* камшумор, хурд; **~ие гру́ппы экскурса́нтов** гурӯҳҳои камшумори экскурсантҳо 3. хурд, хурд-хурд, майда; кутоҳ; **~ие шаги́** қадамҳои хурд-хурд 4. *тк. полн. ф.* хурд, майда, камқувват; **~ое хозя́йство** хоҷагии хурд 5. *тк. полн. ф.* хурд, майда; **~ий чино́вник** мансабдори хурд 6. камаҳамият, хурд, майда; **~ие забо́ты** ташвишҳои майда 7. *перен.* паст, разил, сафил, пастфитрат; **~ая душо́нка** одами пастфитрат; **~ие эгоисти́ческие побужде́ния** ғаразҳои пасти худпарастона 8. камоб, пастоб, паст; сатҳӣ, руякӣ, ҳамвор; **~ое о́зеро** кули пастоб; **~ая таре́лка** табақчаи ҳапалак; **~ая па́хота** шудгори руякӣ 9. *(о судах)* ...и тагаш ҳамвор; **~ое су́дно** киштии ҳапалак ◊ **~ие де́ньги** пули майда; **~ая со́шка** одами камэътибор; **дрожа́ть ~ой дро́жью** саҳл-саҳл ларзидан; **рассыпа́ться ~им бе́сом** *перед кем* хушомад задан, тамаллуқ кардан

ме́лко 1. *нареч.* хурд, майда, реза 2. *в знач. сказ. безл.* паст аст, пастоб, чуқур не; **здесь о́чень ~** ин ҷои об хеле паст аст ◊ **~ пла́вать** 1) ношуд будан 2) дар ҷамъият мавқеи муҳим надоштан

мелко: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «майда»:* **мелкопло́дный** майдамева; **мелколе́сье** чакалак

мелкобуржуа́зность *ж* майдабуржуазӣ будан(и)

мелкобуржуа́зн||ый, -ая, -ое майдабуржуазӣ, ...и буржуазияи майда; **~ые элеме́нты** унсурҳои майдабуржуазӣ, **~ая тео́рия** назарияи майдабуржуазӣ

мелково́дн||ый, -ая, -ое (мелково́д|ен, -на, -но) камоб, пастоб; **~ая река́** дарьёи камоб

мелково́дье *с* 1. камобӣ, пастобӣ, пастии оби дарьё (кӯл); **в ~ река́ несудоходна** дар вақти камобӣ дарьё киштигард намешавад 2. тунукоба, синор; **попа́сть в ~** ба тунукоба даромадан

мелкодо́нный, -ая, -ое ...и ҳапалак *(оид ба қаиқ ё киштӣ)*

мелкозём *м с.-х.* сурмахок, хоки маҳин

мелкозерни́ст||ый, -ая, -ое сурмадона, майдадона, резадона; **~ый ячме́нь** ҷави майдадона; **~ые поро́ды** *геол.* ҷинсҳои реза

мелкозу́бый, -ая, -ое майдадандон

мелкокали́берка *ж разг.* милтиқи милатанг

мелкокали́берн||ый, -ая, -ое милатанг, хурдкалибр; **~ая винто́вка** милтиқи милатанг

мелкокрестья́нск||ий, -ая, -ое майдадеҳқонӣ; **~ое хозя́йство** хоҷагии майдадеҳқонӣ

мелколе́сный, -ая, -ое ...и чакалак

мелколе́сье *с* чакалак; **в ~ во́дятся лиси́цы** дар чакалак рубоҳҳо мезиянд

мелколи́ственн||ый, -ая, -ое майдабарг; **~ые дере́вья** дарахтҳои майдабарг

мелколи́стный, мелколи́стый, -ая, -ое *см.* **мелколи́ственный**

мелкопло́дн||ый, -ая, -ое (мелкопло́д|ен, -на, -но) майдамева; **~ая чере́шня** дарахти майдагелос

мелкопоме́стный, -ая, -ое *ист.* хурдамлок, майдамулк; **~ дворяни́н** дворянини майдамулк

мелкоро́сл||ый, -ая, -ое қадпаст, пакана, пастак, майда; **~ые куста́рники** буттаҳои пастак

мелкосо́бственническ||ий, -ая, -ое майдамоликиятӣ, ...и майдамулкдорӣ, ...и моликияти майда, ...и мулкдори майда; **~ие элеме́нты** унсурҳои майдамулкдорӣ; **~ие тенде́нции** майлҳои майдамулкдорӣ

ме́лкость *ж* 1. хурдӣ, майдагӣ, резагӣ; **~ шри́фта** майдагии ҳуруф 2. камаҳамиятӣ, муҳим набудан(и) 3. *перен.* пастӣ, разилӣ, пастфитратӣ

мелкота́ *ж разг.* 1. хурдӣ, майдагӣ, резагӣ; **~ шри́фта** майдагии ҳуруф 2. *перен.* пастӣ, разилӣ, пастфитратӣ 3. *собир.* чизҳои майда (хурд), майда-чуйда, хурду реза; **ры́ба попа́лась**

неважная — одна ~ моҳии калон нафуромад, фақат майдааш // *(о детях)* хурдтаракон, майдаякон 4. *собир. перен. уст.* одамони хурд, одамони пастмартаба, кеҳон

мелкотоварн||ый, -ая, -ое майдамолӣ, ..и майдамол; **~ое хозяйство** хоҷагии майдамол

мелкотравчатый, -ая, -ое 1. *уст. (с мелким узором)* майдагул, майдабарг, майданақш; ~ **бархат** бахмали майдагул 2. *перен. разг.* майда, нонамоён; ~ **художник** рассоми ношуд

мелкотравье *с* 1. алафҳои пастак 2. ҷои камалаф

мелкоцветн||ый, -ая, -ое майдагул; **~ые растения** растаниҳои майдагул

мелкошёрстн||ый, мелкошёрстый, -ая, -ое кӯтоҳпашм; **~ая порода овец** ҷинси гусфандони кӯтоҳпашм

мелов||ой, -ая, -ое 1. бурдор, табоширдор, ...и табошир; **~ые горы** кӯҳҳои табоширдор; **~ая почва** хоки табоширдор 2. сафед, сап-сафед; **лицо его стало ~ым** рӯяш сап-сафед шуд 3. *геол.* ...и давраи табошир; **~ой период** давраи табошир *(давраи сеюми мезозой)* ◇ **~ая бумага** коғази табошир

мелодекламатор *м* мелодекламатор *(касе, ки мувофиқи оҳанги мусиқӣ шеър мехонад)*

мелодекламация *ж* мелодекламация *(хондани шеър мувофиқи оҳанги мусиқӣ)*

мелодекламировать *несов. что и без доп.* мелодекламация кардан

мелодика *ж муз., лит.* мақомот

мелодическ||ий, -ая, -ое 1. *муз., лит.* ...и мақомот, хушоҳанг, оҳангдор; **~ая гамма** гаммаи хушоҳанг 2. *см.* **мелодичный**

мелодично *нареч.* бо хушоҳангӣ, хушнаво, форам

мелодичность *ж* хушоҳангӣ, оҳангдорӣ, хушнавоӣ, форамӣ; ~ **музыки** хушоҳангии мусиқӣ

мелодичный, -ая, -ое (мелодич|ен, -на, -но) хушоҳанг, хушнаво, форам; ~ **голос** овози хушоҳанг; **этот романс очень мелодичен** ин романс хеле хушоҳанг аст

мелодия *ж* 1. мақом, оҳанг, наво, савт, ҳаво, нағма; **бодрая** ~ оҳанги рӯҳбахш 2. *(благозвучие)* хушоҳангӣ, хушнавоӣ, форамии оҳанг; ~ **стиха** хушоҳангии шеър

мелодрама *ж* 1. *уст.* мелодрама *(драмаи мусиқӣ)* 2. *лит.* мелодрама *(асари драмавии мазмунаш ҳам фоҷиавию ҳам мазҳакавӣ)* 3. *перен.* сохтакорӣ, ғайритабиӣ будани хиссиёт

мелодраматизм *м см.* **мелодрама** 3

мелодраматическ||ий, -ая, -ое 1. ...и мелодрама, мелодрамавӣ; **~ая роль** роли мелодрамавӣ 2. *перен.* ғайритабиӣ, сохта, сохтакорона; **~ий жест** ишораи ғайритабиӣ

мелодраматичност||ь *ж* ғайритабиӣ (сохта, сунъӣ) будан(и), табиӣ набудан(и); **его речь была полна ~и** нутқи у ғайритабиӣ буд

мелодраматичный, -ая, -ое (мелодраматич|ен, -на, -но) *см.* **мелодраматический** 2

мелок *м* бурпора, қаламӣ табоширӣ, порчаи табошир

меломан *м* мусиқидуст, суруддуст, дустдори (ҳаваскори) мусиқӣ

меломания *ж* мусиқидӯстӣ, суруддустӣ

мелочн||ой, -ая, -ое 1. *см.* **мелочный**; 2. *уст.* ...и вофурӯшӣ, ...и атторӣ; **~ая лавка** дӯкони вофурӯшӣ

мелочность *ж* 1. майдагапӣ, хурдагирӣ; ~ **характера** хурдагирӣ 2. ҷузъӣ (ночиз, хурд) будан(и), камаҳамиятӣ 3. *перен.* пастӣ, пастфитратӣ, разилӣ

мелочн||ый, -ая, -ое (мелоч|ен, -на, -но) 1. майдагап, хурдагир; **~ый человек** одами майдагап 2. ҷузъӣ, ночиз, хурд, камаҳамият; **~ые подробности** тафсилоти ҷузъӣ 3. *перен.* паст, пастфитрат, разил, сафил; **~ый расчёт** нияти паст

мелоч||ь *ж* 1. *собир.* чизҳои майда (хурд), майда-чуйда; **в ящике лежала разная ~ь** дар қуттӣ ҳар хел майда-чуйда буд // *разг. (о детях)* хурдтаракон, майдаякон 2. *собир.* пули майда; **нет ли у вас ~н?** пули майда надоред? 3. чизи беҳуда (беаҳамият), гапи (кори) андак; **его раздражает всякая ~ь** ваӣ аз ҳар кори беҳуда (гапи андак) асабонӣ мешавад 4. ҷузъиёт, тафсилот; **говори скорей, не задерживайся на ~ах** зудтар гап зан, тафсилоташро магӯ ◇ **размениваться на ~и** бо корҳои майда-чуйда машғул шудан, бо корҳои беҳуда банд шудан

мель *ж* тунукоба, синор; **лодка села на** ~ заврақ дар тунукоба дармонд ◇ **как рак на мели** дар ҳолати ниҳоят мушкил; **посадить кого-л. на** ~ касеро ба ҳолати душвор овардан; **сесть на** ~ зору нотавон шудан, ба ҳолати душвор афтодан; **сидеть на мели** зору нотавон мондан

мелькание *с (по знач. гл.* **мелькать)** йилт-йилт (милт-милт) кардан(и); зуд паи ҳам гузаштан(и)

мелька||ть *несов.* 1. гоҳ-гоҳ дида шудан, баъзан ба чашм намоён шудан; **между деревьями ~ли фигуры людей** дар байни дарахтон гоҳ-гоҳ одамон намоён мешуданд 2. йилт-йилт (милт-милт, милтос) кардан; **вдали ~ли огни** дар дуродур чароғҳо милт-милт мекарданд 3. *перен.* аз хаёл гузаштан, ба хаёл омадан; **у него ~ла мысль об отъезде** фикри сафар аз хаёлаш мегузашт 4. зуд паи ҳам гузаштан; зуд намоён шуда гузаштан, зуд аз пеши назар гузаштан; **дни ~ли один за другим** рӯзҳо тез паи ҳам мегузаштанд; **~ли кадры кинофильма** кадрҳои кинофильм зуд аз пеши назар мегузаштанд ◇ **в глазах ~ет** дар пеши чашм бичиррос мезанад

мелькну||ть *сов. однокр. к* **мелькать**; **вдали ~л огонёк** дар дуродур чароғе милт-милт (милтос) кард

мельком *нареч.* 1. камтар, андак, як лаҳза 2. рӯякӣ, сарсарӣ, бо назари сатҳӣ, саҳл; **он ~ пробежал письмо** вай мактубро сарсарӣ хонд

мельник *м* осиёбон

мельница *ж* 1. осиё, осиёб; **ветряная** ~ осиёи бодӣ; **водяная** ~ осиёб; **паровая** ~ осиёи буғӣ 2. ос, дастос; **кофейная** ~ қаҳвамайдакунак 3. *тех.* мошини ҷоду (резакунанда); **дробильная** ~ мошини майдакунак ◇ **лить воду на чью-л. мельницу** ба осиёби касе об сар додан; **сражаться с ветряными ~ми** бо монеаҳои номавҷуд мубориза бурдан, беҳуда қувва сарф кардан

мельничий, -ья, -ье *уст.* ...и осиёбон

мельничиха *ж разг.* зани (духтари) осиёбон

мельничн||ый, -ая, -ое ...и осиё; **~ое колесо** чархи осиё

мельтешить *несов. прост.* йилт-йилт (милт-милт) кардан

мельхиор *м* мельхиор *(хулаи мис бо никель, ки нуқрамонанд аст)*

мельхиоровый, -ая, -ое ...и мельхиор, мельхиорӣ; ~ **чайник** чойники мельхиорӣ

мельчайш||ий, -ая, -ее *превосх. ст. к* **мелкий: разузнать всё до ~их подробностей** ҳама чизро муфассал донистa гирифтан

мельча||ть *несов.* 1. хурд (майда, реза) шудан; **к югу леса ~ют** ба самти ҷануб бешаҳо торафт тунук мешаванд 2. *перен.* камаҳамият (ночиз) шудан; паст шудан 3. камоб (пастоб) шудан; **река ~ет** дарьё пастоб мешавад

мельче *сравн. ст. к* **мелкий** *и к* **мелко**

мельчить *несов. что* 1. хурд (майда, реза) кардан; ~ **гравий** шағалро реза кардан; ~ **дрова** хезумро майда шикастан 2. *перен.* хурд (майда, камаҳамият) карда нишон додан; ~ **серьёзный вопрос** масъалаи ҷиддиро камаҳамият карда нишон додан

мелюзга *ж собир. разг.* 1. чизҳои майда (хурд), майда-чуйда, хурду реза // *(о детях)* хурдтаракон, майдаякон 2. *перен. уст.* одамони хурд, пастмансабон

мембрана *ж физ., тех.* мембрана *(парда ё лавҳаи тунуки қабулкунандаи савт, лапиш ва ғ.)*; **телефонная** ~ мембранаи телефон

меморандум *м* меморандум *(номаи дипломатӣ, ки дар он нуқтаи назари ҳукумат оид ба ягон масъала баён карда мешавад)*

мемориал *м* мемориал, ёдгор, ёдгорӣ; **Ленинский** ~ Мемориали Ленин

мемориальн||ый, -ая, -ое мемориал, ...и мемориал, ...и ёдгорӣ, ...и ёдгор; **~ая доска** лавҳаи ёдгорӣ

мемуарист *м лит.* хотиранавис, ёддоштнавис

мемуарн||ый, -ая, -ое *лит.* ...и хотираҳо, ...и ёддоштҳо, ...и хотира, ёддоштӣ; **~ая литература** адабиёти ёддоштӣ

мемуары *мн. лит.* хотираҳо, ёддоштҳо; **писать** ~ ёддошт навиштан

мена *ж* (*по знач. гл.* **менять**) мубодила, дигар (бадал, иваз) кардан(и); (*по знач. гл.* **меняться**) дигаршавӣ, бадалшавӣ, ивазшавӣ

менада *ж* менада (*мувофиқи асотири юнониёни қадим ҳамсафари нозанини Дионис*)

менделизм *м* менделизм (*таълимот дар бораи қонуниятҳои ирсият*)

менеджер *м* менеҷер (*мудири кироя дар мамлакатҳои капиталистӣ*)

менее 1. *см.* **меньше; прошло ~ двух месяцев** аз ду моҳ камтар вақт гузашт 2. *в сочет. с прил. и нареч. служит для образования сравн. ст.:* **это не ~ важно** аҳамияти ин камтар не ◇ **более или ~** каму беш, то андозае; **не (ни) более [и] не (ни) ~ как...** на каму на зиёд; расо; **~ всего** ҳеҷ, асло; **тем не ~** бо вуҷуди он, бо вуҷуди ин, ва ҳол он ки...

менестрель *м* менестрель (*шоиру мусиқинавози сайёр дар Франция ва Англияи асрҳои миёна*)

мензула *ж геод.* мензула (*олати нақшабардории топографӣ*)

мензурка *ж* мензурка (*зарфи дараҷадор барои ченкунии моеот*)

менингит *м мед.* менингит (*илтиҳоби пардаҳои майна*)

менингококк *м бакт.* менингококк (*бактерияи барангезандаи менингит*)

мениск *м* мениск (1. *физ. сатҳи фуруҳамида ё барҷастаи чизи моеъ дар найчаи танг* 2. *опт. шишаи оптикии як тарафаш фуруҳамида, тарафи дигараш барҷаста* 3. *анат. тағояки ҳилолшакли айнаки зону*)

менов||ой, -ая, -ое муовизӣ; **~ое хозяйство** хоҷагии муовизӣ

менструальный, -ая, -ое *физиол.* ...и ҳайз

менструация *ж физиол.* ҳайз

менструировать *несов. физиол.* ҳайз дидан

ментик *м* ментик (*мундири гусарии шерозааш муина*)

ментол *м* ментол (*ҷавҳари наъно; моддае кристаллӣ, ки бӯи хуши тез дорад ва дар тибб, атторӣ ва қаннодӣ истеъмол мешавад*)

ментолов||ый, -ая, -ое ...и ментол, ментолӣ; **~ые капли** чакраи ментол

ментор *м* 1. *уст. и ирон.* мураббӣ, устод, носеҳ, насиҳатгуй 2. *бот.* қаламчаи (найчаи) пайвандӣ

менторск||ий, -ая, -ое *уст. и ирон.* носеҳона, насиҳатгарона, пандомез; **говорить ~им тоном** носеҳона гап задан

менуэт *м муз.* менуэт (*навъи рақси қадимии франсавӣ бо оҳангаш*)

меньшак *м обл.* 1. (*младший сын*) писари хурдӣ, кенҷа 2. (*младший брат*) бародари хурд, додар, ука

меньше 1. *сравн. ст. к* **малый** I *и к* **маленький; этот дом ~ того** ин хона аз он хурдтар аст 2. *сравн. ст. к* **мало; как можно ~** ҳар чӣ камтар; **в два раза ~** ду баробар кам; **лучше ~ да лучше** кам бошаду соз бошад ◇ **~ всего** ҳеҷ, асло; **не (ни) больше [и] не (ни) ~ как ...** на каму на зиёд, расо; **мал мала ~** яке аз дигаре хурдтар (*дар бораи бачагон*)

меньшевизм *м* меньшевизм (*ҷараёни асосии майдабуржуазии ислоҳотчигӣ дар ҳаракати социал-демократии Россия; яке аз шаклҳои оппортунизми байналхалқӣ*)

меньшевик *м* меньшевик

меньшевистск||ий, -ая, -ое ...и меньшевизм, ...и меньшевикона, меньшевики, ..и меньшевик; **~ая партия** партияи меньшевикӣ; **~ие теории** назарияҳои меньшевикӣ

меньшевичка *женск. к* **меньшевик**

меньш||ий, -ая, -ее 1. *сравн. ст. к* **малый** I *и к* **маленький; идти с ~ей скоростью** бо суръати пасттар роҳ рафтан 2. *превосх. ст. к* **малый** I *и к* **маленький; ~ее из зол** хурдтарини балоҳо 3. *разг.* (*младший*) хурд, хурдӣ, хурдтарин; **~ий из детей ещё не ходит** бачаи хурдӣ ҳануз роҳ намегардад ◇ **самое ~ее** камаш; **по ~ей мере** 1) (*не меньше чем*) камаш 2) *в знач. вводн. сл.* (*по крайней мере*) ҳеҷ набошад, ақаллан, лоақал

меньшинство *с* ақаллият; **получить ~ голосов** ақаллияти овозҳоро гирифтан

меньшой, -ая, -ое *уст. прост* хурд, хурдӣ, хурдтарин; **~ брат** бародари хурд, додар, ука

меню *с нескл.* 1. меню (*анвои хурокҳо*); **составить ~ обеда** менюи хуроки пешинро тартиб додан 2. (*листок*) руйхати хурокҳо, меню

меня *род., вин. от* я

меняла *м* сарроф

меняльн||ый, -ая, -ое ...и саррофӣ; **~ая лавка** дукони саррофӣ

менять *несов.* 1. *кого-что* мубодила (иваз) кардан; **~ меха на товары** муинаро ба матоъ иваз кардан 2. *что* майда кардан; **~ деньги** пулро майда кардан 3. *кого-что* дигар (бадал, иваз) кардан, табдил (тағйир) додан; **~ книги в библиотеке** китобҳоро дар китобхона иваз кардан; **~ свои убеждения** ақидаҳои худро дигар кардан

меня||ться *несов.* 1. мубодила (иваз) кардан; **~ться квартирами с кем-л.** бо касе хона иваз кардан 2. дигар (иваз, бадал) шудан; **часовые ~лись каждые полчаса** посбонон дар ҳар ним соат иваз мешуданд 3. дигар шудан, тағйир ёфтан; **ребёнок ~ется к лучшему** кудак беҳтар мешавад 4. *страд.* мубодила (иваз) карда шудан; майда карда шудан (*оид ба пул*); дигар (бадал) карда шудан ◇ **она ~ется в лице...** афташ дигар машавад

²мер *м қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки ба маъноҳои зерин меояд:* 1) *асбоби ченкунӣ* — **водомер** обченкунак 2) *мутахассиси ченкунӣ* — **землемер** заминпаймо, танобчӣ

мер||а *ж* 1. чен, ченак, андоза, миқъёс; **~ы веса** ченҳои вазн; **~ы длины, линейные ~ы** ченҳои дарозӣ; **метрические ~ы** ченҳои метрӣ 2. *уст.* чен (*воҳиди қадими халқии ченкунии чизҳои пошхуранда*); **насыпать в мешок ~у овса** як чен ҷави русӣ ба халта андохтан // (*сосуд*) чен, зарфи якчена; **насыпать зерно ~ами** ғалларо бо чен рехтан 3. меъёр, андоза, миқъёс, чен; **золото — общая ~а меновых ценностей** тилло меъёри умумии муовиза мебошад // *перен.* андоза, ҳисоб; **не подходить под общую ~у** ба андозаи умумӣ муносиб набудан 4. андоза, дараҷа; **в одинаковой ~е** ба як дараҷа, ба андозаи баробар 5. ҳад, андоза, поён; **чувство ~ы** донистани ҳадди чизе, аз ҳад набаромадан(и); **знать ~у** ҳадро донистан; **потерять чувство ~ы** аз ҳад гузаштан; **всему есть ~а** ҳар чиз ҳад дорад 6. чора, чорабинӣ, тадбир; **~а наказания** чораи ҷазо; **крайняя ~а** чораи қатъӣ; **принять строгие ~ы** чораи қатъӣ дидан; **~ы по уходу за посевами** чораҳои парвариши киштҳо 7. *уст. лит.* вазни шеър, вазн · **без ~ы** 1) (*очень много*) беҳад, бепоён, бешумор, беҳисоб 2) (*в сильной степени*) хеле, аз ҳад зиёд; **в ~у** 1) (*столько, сколько нужно*) ба қадри даркорӣ 2) *предлог. с род.* мувофиқи..., муносиби...; **в достаточной ~е** ба қадри кифоя (кофӣ); **в полной ~е** пурра, комилан; **ни в коей (ни в какой) ~е** ба ҳеҷ ваҷҳ, бо ҳеҷ тадбир; **по ~е** *предлог с род.* мувофиқи..., ба андозаи..., ба қадри...; **по ~е возможности** ба қадри имкон, то мумкин аст; **по ~е своих сил** ба қадри қувваи худ; **по ~е того как...** *союз врем.* (*в соответствии с тем, как*) бо; **по ~е того как приближался вечер, становилось прохладнее** қарибиҳои шом ҳаво салқинтар мешуд; **по крайней ~е** ҳеҷ набошад, лоақал, ақаллан; **по меньшей ~е** камаш, лоақал; **сверх ~ы, через ~у, не в ~у** аз ҳад зиёд, аз андоза берун

мергель *м геол.* мергель (*ҷинси куҳии иборат аз гилу оҳак*)

мергельный, -ая, -ое *геол.* мергели, ...и мергель

мерёжа *ж рыб.* сабадтури моҳигирӣ

мерёжка *ж* турдузӣ

мерека||ть *несов. прост.* фикр кардан, андешидан; фаҳмидан, донистан; **он в этом кое-что ~ет** вай каме ба фаҳми ин кор мерасад

меренга *ж кул.* фиринӣ

мереть *несов. разг.* 1. (*погибать — о многих*) мурдан 2. заъф кардан, карахт (шах) шудан, беҳаракат мондан, бозистодан; **сердце так и мрёт от испуга** дил аз ваҳм заъф мекунад ◇ **мухи мрут** дилафгор (дилгир, дилгусил) аст

мерещи||ться *несов.* 1. *разг.* ба хаёл омадан, ба назар намудан; **ему всё время что-то ~лось** ҳамеша ба хаёлаш чизе меомад 2. *уст.* ба зур намудор (намоён) шудан, хира намоён будан; **берег еле ~лся в тумане** соҳил дар туман ба зӯр менамуд

мерзавец *м бран.* одами палид, нобакор, хабис, разил

мерзавка *женск. к* мерзавец

мерзавчик *м прост.* ғарибакӣ *(шишачаи арақ ба андозаи ҳаштьяки литр)*

мерзк||ий, -ая, -ое (мерз|ок, -ка, -ко) 1. нафратангез, палид, манфур, қабеҳ, ганда; **~ий поступок** рафтори нафратангез 2. *разг.* хеле бад, бисьёр бад; **~ая погода** ҳавои бисьёр бад; **~ое настроение** кайфияти хеле бад

мерзко 1. *нареч.* нафратангезона, манфурона, бад, ганда 2. *в знач. сказ. безл.* бад аст, зишт аст; **на душе у него стало ~** нафраташ омад

мерзлота *ж* яхбастагӣ, яхбаста будан(и); **вечная ~** яхбастагии абадӣ

мёрзл||ый, -ая, -ое 1. яхбаста, яхкарда; яхпуш; **~ая глина** гили яхбаста 2. хунукзада, сармозада; **~ая капуста** карами хунукзада 3. *уст. разг.* хунукхурда; хунукхур 4. *уст. разг.* бисьёр хунук // *прост. (о помещении)* хунук, хунукшуда

мерзляк *м разг.* хунукхур

мерзлячка *женск. к* **мерзляк**

мёрзн||уть *несов.* 1. ях кардан, ях бастан; **вода в горной реке не ~ет** оби дарьёи кӯҳӣ ях намебандад 2. аз хунукӣ нобуд шудан 3. хунук хурдан; **руки ~ут** дастҳо хунук мехуранд

мерзопакостный, -ая, -ое *разг.* ниҳоят қабеҳ, нафратангез, разил

мерзостн||ый, -ая, -ое 1. нафратовар, манфур, қабеҳ; **~ый поступок** рафтори нафратовар; **~ые слова** алфози қабеҳ 2. *разг.* хеле бад, бисьёр бад, расво; **~ая погода** ҳавои бисьёр бад

мерзост||ь *ж* 1. қабоҳат, манфурӣ, палидӣ, хабисӣ; **~ь поступка** палидии рафтор 2. чизи нафратовар (қабеҳ); **какая ~ь!** чӣ чизи нафратовар!; **говорить ~и** алфози қабеҳ гуфтан ◇ **~ь запустения** *книжн.* харобот

меридиан *м геогр.* меридиан, хати тул; **~ Гринвича** меридиани Гринвич *(меридиани нулӣ, ки аз Лондон мегузарад)* ◇ **небесный ~** *астр.* меридиани осмон

меридианный, -ая, -ое *геогр.* меридианӣ, ...и меридиан

меридиональн||ый, -ая, -ое *геогр., астр.* меридианӣ, ...и меридиан; **~ая линия** хати меридиан

мерило *с* 1. меъёр, андоза, миқьёс, чен; **~ стоимости** меъёри арзиш 2. *перен.* меъёр, асоси қиёс; **~ нравственности** меъёри ахлоқ

мерильн||ый, -ая, -ое ...и ченкунӣ, ...и андозакунӣ, ченкунанда, қиёсӣ; **~ая машина** мошини ченкунанда

мерин *м* аспи ахта; **вороной ~** аспи сиёҳи ахта ◇ **врёт как сивый ~** *прост.* бе шарму ҳаё дурӯғ мегуяд; **глуп как сивый ~** *прост.* бисьёр аҳмақ, аблаҳи гузаро

меринос *м* меринос (1. *навъи гусфанди маҳинпашм* 2. *пашми ҳамин гусфанд)*

мериносов||ый, -ая, -ое мериносӣ, ...и меринос; **~ые овцы** гусфандони меринос

мерительн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и ченкунӣ; **~ые приборы** асбобҳои ченкунӣ

мерить *несов. что* 1. чен кардан, андоза гирифтан, баркашидан; **~ расстояние по карте** аз руи харита масофаро чен кардан; **~ температуру** ҳароратро чен кардан 2. *перен. в сочет. с сущ.* бисьёр гаштан, роҳ рафтан; **~ улицы** дар кучаҳо бисьёр гаштан 3. андоза кардан; **~ костюм** костюмро андоза кардан ◇ **~ вёрсты** *прост.* бисьёр пиёда гаштан, пиёда ба ҷойҳои дур рафтан; **~ глазами (взглядом) кого-л.** бо диққат сар то пои касеро аз назар гузаронидан; **~ на свой аршин** ба гази худ чен кардан, аз худ қиёс гирифтан, бо паймонаи худ андоза кардан

мериться *несов.* 1. *чем с кем-чем разг.* муқоиса кардан; **~ силами** қувваи ҳамдигарро муқоиса кардан 2. *разг.* қади худро чен кардан 3. *страд.* андоза карда шудан, баркашида шудан

мерк||а *ж* 1. андоза, чен; **шить по ~е** аз руи андоза духтан 2. андоза, чен, ченак; **~ой служила деревянная палка** чубак асбоби чен буд 3. *перен.* меъёр, андоза, чен; **мерить на свою ~у** бо паймонаи худ андоза (ба гази худ чен) кардан 4. *см.* **мера** 2

меркантилизм *м* 1. *эк.* меркантилизм *(сиёсати иқтисодии давраҳои аввали капитализм, ки дар айни он давлат ба иқтисод фаолона дахл мекард ва манфиати тоҷиронро бисьёр ҳимоя менамуд)* 2. *перен. книжн.* манфиатпарастӣ, тамаъкорӣ

меркантилист *м эк.* меркантилист, пайрави (тарафдори) меркантилизм

меркантильность *ж книжн.* манфиатпарастӣ, тамаъкорӣ; эҳтиёткории хасисона

меркантильн||ый, -ая, -ое (меркантил|ен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф. эк.* меркантилӣ, ...и меркантилизм; **~ая система** системаи меркантилизм 2. *перен. книжн.* манфиатпарастона, тамаъкорона, ...и манфиатпараст, ...и тамаъкор; **~ый человек** одами манфиатпараст (тамаъкор)

мерк||нуть *несов.* 1. тира (торик, хира) шудан; **звёзды ~нут** ситораҳо хира метобанд 2. *перен.* ҳеҷ (суст) шудан; **всё ~нет перед его талантом** ҳама чиз дар пеши истеъдоди у ҳеҷ мешавад; **прошлое ~ло в его памяти** гузашта аз хотираш мебаромад

Меркурий *м* 1. *астр.* Уторид, Тир, Дабири фалак, Тири фалак 2. *миф.* Меркурий *(дар асотири Рими Қадим — қосиди худоҳо ва худои суханварию тиҷорат)*

мерлушечий, -ья, -ье *уст. см.* **мерлушковый**

мерлушк||а *ж* пусти барра; **шапка из ~и** телпаки пусти барра

мерлушков||ый, -ая, -ое ...и пусти барра; **~ая шубка** пустинчаи барра

мерность *ж* боандозагӣ, мавзунӣ, мунтазамӣ; **~ походки** мавзунии рафтор

мерн||ый, -ая, -ое 1. боандоза, баробар, мавзун, мунтазам; **~ая поступь** қадами мавзун; **~ая речь** сухани мавзун 2. *уст.* чен кардашуда; **~ая сажень** сарҷини чен кардашуда 3. ...и ченкунӣ, ченкунанда; **~ая цепь** занҷиртаноб

мероприятие *с* чорабинӣ, чора, тадбир; **культурное ~** чорабинии маданӣ

мерсеризация *ж тех.* ишқордиҳӣ

мерсеризовать *сов., несов. что тех.* ишқор додан; **~ пряжу** калобаро ишқор додан

мерсеризоваться *несов. страд.* ишқор дода шудан

мерси *частица уст. разг.* мерси, раҳмат, ташаккур

мертвенность *ж* беҷонӣ, беҳиссӣ, карахтӣ; **~ лица** карахтии қиёфа

мертвенный, -ая, -ое (мертвен|ен, -на, -но) беҷон, мурдавор; беҳис, карахт; **~ взгляд** нигоҳи беҳис

мертве||ть *несов.* 1. беҷон шудан, мурдан 2. беҳис шудан, карахт (шах) шудан; **~ть от испуга** аз тарс карахт шудан; **пальцы ~ют от мороза** ангуштон аз сармо карахт мешаванд 3. *перен.* бедолу дарахт шудан, чул шуда мондан; хилват (беодам) шудан

мертвец *м* мурда, майит

мертвецкая *ж* мурдахона *(дар касалхона)*

мертвецки *нареч. разг.:* **~ пьян[ый]** мурдавор маст, масту мадҳуш, масти лояъқил

мертвецк||ий, -ая, -ое: **~ий покой** *уст.* мурдахона; **спать ~им сном** мурдавор хоб кардан

мертвечин||а *ж* 1. *собир.* лоша; **вороны кружились над ~ой** зоғҳои сиёҳ бар сари лоша давр мезаданд 2. *перен. разг.* касодӣ, таназзул; мурдадилӣ, беҷонӣ, беҳаракатӣ

мертви||ть *несов. кого-что* 1. куштан, нобуд (нест) кардан; **палящее солнце ~ло посевы** офтоби сузон киштҳоро нобуд мекард 2. *перен.* карахт (суст, беҳавсала) кардан; хаста кардан

мёртво, мертво 1. *нареч.* мурда, беҷон 2. *в знач. сказ. безл.* хилват аст, асари зиндагӣ дида намешавад; **на улицах было тихо и ~** кучаҳо хомушу хилват буданд

мертворождённый, -ая, -ое 1. мурда зоидашуда; **~ ребёнок** кудаки мурда зоидашуда 2. *в знач. сущ.* **мертворождённый** *м*, **мертворождённая** *ж* мурда зоидашуда 3. *перен.* ғайриҳаётӣ, ғайриамалӣ, иҷронашаванда; **~ проект** лоиҳаи ғайриамалӣ

мёртв||ый, -ая, -ое (мёртв, мертва, мёртво *и* мертво) 1. мурда, беҷон 2. *в знач. сущ.* **мёртвый** *м*, **мёртвая** *ж* мурда, майит 3. хушкшуда, пажмурда; **в лесу чернели ~ые обугленные деревья** дар беша дарахтҳои хушкшудаи сухта сиёҳ метобиданд 4. беҷон, мурдавор; беҳис, карахт 5. *перен.* тира, хира; **~ые краски** рангҳои хира 6. *перен.* ҳомун, бедолу дарахт, бегиёҳ, беҷон; **~ые пески** регзори ҳомун 7. *перен.* хомуш, ором, хилват; **~ые**

ночные улицы кӯчаҳои шабонгоҳ хилват 8. *перен.* бефоида, беҳуда; **~ое дело** кори бефоида 9. том, тамом, комил, пурра; **~ое молчание** хомушии том; **~ый покой** оромии том ◇ **~ая вода** *фольк.* оби ҳаёт; **~ая голова** 1) *(череп)* косахонаи сар 2) *зоол.* холшабпарак; **~ые души** *ист.* ҷонҳои мурда *(деҳқонони крепостной, ки номи онҳо дар рӯйхати ин ё он помещик ҳасту вале худи онҳо нестанд)*; **~ая зыбь** *мор.* мавҷзании бешамоли оби баҳр; **~ый инвентарь** асбобу анҷом; **~ый капитал** 1) *эк.* моли мурда 2) дониши (илми) беамал; **~ая петля** 1) ҳалқадавак 2) *ав.* ҳалқаи сокин; **~ая природа** табиати беҷон (ғайриорганикӣ), ҷамодот; **~ое пространство** *воен.* ҷои (фазои) тирнорас; **~ый сезон** 1) *эк.* мавсими касод 2) мавсими хилват; **~ая точка** 1) *тех.* нуқтаи муаллақа 2) карахтӣ; **на ~ой точке** ноҷунбон, карахт, шахшуда; **~ая хватка** 1) *(у собак)* ҷоғи гиро 2) панҷаи гиро; **~ый час** соати фароғат; **~ый штиль** *мор.* сукунати баҳр; **~ый язык** забони матрук; **~ якорь** лангари ногир; **ни жив ни мёртв** на зиндаю на мурда; **лежать ~ым грузом** бекор хобидан; **оставаться ~ой буквой** дар руи коғаз мондан, ҷомаи амал напушидан; **пить ~ую** пайваста арақ нушидан, бисьёр шароб хӯрдан; **спать (уснуть) ~ым сном** мурда барин хоб рафтан

мертвящ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* кушанда, нобудкунанда 2. *прил.* қаҳратун, бисьёр сахт, аз ҳад зиёд хунук; **~ий мороз** сармои қаҳратун, хунукии бисьёр сахт 3. *прил.* ғамангез, дилгиркунанда; пуразоб; **~ая скука** дилтангии пуразоб

мерцание *с (по знач. гл.* **мерцать**) йилт-йилт (милт-милт) кардан(и); ларзиш, ҷунбиш; **~ звёзд** милт-милти ситораҳо

мерца||ть *несов.* 1. йилт-йилт (милт-милт) кардан; **в небе ~ли звёзды** дар осмон ситораҳо йилт-йилт мекарданд 2. инъикос ёфтан, акс кунондан; **капли росы ~ли в лунном свете** қатраҳои шабнам рушноии моҳро акс мекунонданд 3. *биол.* ларзидан, ҷунбидан

месиво *с разг.* 1. хамира 2. *(вязкая грязь)* лойдон; **дороги покрыты ~м** роҳҳо лойдон шудаанд 3. *(корм)* гарит; **приготовить ~ для телят** барои гусолаҳо тарит тайёр кардан // *(кушанье)* сарид

месилка *ж* хамиркунак; лойкунак

месильный, -ая, -ое ...и хамиркунӣ; **~ чан** ёми хамиркунӣ

месить *несов.* **что** сиришитан, аралаш кардан, қатӣ кардан; **~ тесто** хамир кардан ◇ **~ грязь** бо роҳи пурлой рафтан

меситься *несов. страд.* хамир карда шудан

месса *ж* месса 1. *рел.* намози пешин *(дар калисои католикон)* 2. *муз.* муноҷот *(навои намози католикон)*

мессалина *ж уст.* ғар, занаки сабукпо

мессия *м книжн.* нузули Масеҳ; зуҳури Маҳдӣ

местами *нареч.* дар баъзе ҷойҳо, ҷо-ҷо, қисман

местечко I *с уменьш.-ласк. к* **место** 1, 2 ◇ **тёпленькое ~** кори равғанин

местечко II *с* қасаба, қария *(дар Украина ва Белоруссия)*

местечковый, -ая, -ое ...и қасаба, ...и қария

мести *несов.* 1. **что** руфтан, ҷоруб кардан; **~ сор** хасрубаро рӯфта партофтан; **~ двор** ҳавлиро руфтан 2. **что** *и без доп.* руфта бурдан; **ветер метёт пыль** шамол чангро рӯфта мебарад; **на улице метёт** *безл.* дар куча гирдбод аст

местись *несов. страд.* руфта шудан, ҷоруб карда шудан

местком *м* (**местный комитет**) комитети маҳаллӣ; **заседание ~а** маҷлиси комитети маҳаллӣ

месткомовский, -ая, -ое ...и комитети маҳаллӣ

местничать *несов. ист.* мансабталошӣ кардан

местническ||ий, -ая, -ое ...и маҳалчигӣ; **~ие интересы** манфиатҳои маҳалчигӣ

местничество *с* 1. *ист.* мансабгирӣ 2. маҳалчигӣ

местность *ж* 1. маҳал, ҷой, мавзеъ; **лесистая ~** маҳалли бешазор 2. кишвар, маҳал; **сельская ~** қишлокҷой

местн||ый, -ая, -ое 1. маҳаллӣ, ҷойдорӣ, тагҷой; **~ые жители** сокинони маҳаллӣ; **~ая промышленность** саноати маҳаллӣ 2. ҷузъӣ; **~ый наркоз** наркози ҷузъӣ ◇ **~ое время** вақти маҳаллӣ; **~ый комитет** *см.* **местком**; **~ый падеж** *грам.* падежи макон

мест||о *с* 1. ҷой, макон; **~о жительства** ҷои истиқомат; **~о происшествия** ҷои руй додани ҳодиса; **~о рождения** ҷои таваллуд; **рабочее ~о** ҷои кор; **занять ~о** ҷой гирифтан; **зал на пятьсот мест** зал барои панҷсад кас; **положить книгу на ~о** китобро ба ҷояш гузоштан; **не ~о красит человека, а человек ~о** *посл.* шарафи макон аз инсон аст 2. маҳал, ҷой, мавзеъ; **живописные ~а** ҷойҳои хушманзара 3. *мн.* **места** маҳалҳо, музофот; **делегаты с мест** вакилони маҳалҳо 4. ҷой; **запачкать пальто на видном ~е** ҷои намоёни пальторо олуда кардан 5. ҷой, қисм; **лучшие ~а романа** ҷойҳои беҳтарини роман; **в опере есть неудачные ~а** опера қисмҳои суст дорад 6. ҷой, мавқеъ; **~о в жизни** мавқеъ дар зиндагӣ; **занять третье ~о по району** дар район ҷои сеюмро гирифтан (ишғол кардан) 7. мансаб, кор, хизмат; **доходное ~о** кори даромаднок 8. ҷой; **вакантное ~о** ҷои холӣ 9. чиз, булак; **сдать в багаж три ~а** се чизро ба бағоҷ супурдан ◇ **белые ~а** 1) маҳалҳои таҳқиқнашуда (камтаҳқиқшуда) 2) масъалаҳои ҳалталаб (ҳануз ҳалнашуда); **больное ~о** ҷои нозук; **глухие ~а** ҷойҳои дурдаст (хилват); **детское ~о** *анат.* ҳамроҳ, ҳамроҳак; **лобное ~о** *ист.* 1) минбар 2) қатлгоҳ, ҷазогоҳ; **общее ~о** мулоҳизаи бемазмун, гапи забонзадшуда; **отхожее ~о** *прост.* ҳоҷатхона, халоҷо; **присутственное ~о** *уст.* идора, идораи (муассисаи) давлатӣ, девонхона; **пустое ~о** сурати (сояи) девор, одами ночиз; **слабое (уязвимое) ~о, узкое ~о** ҷои нозук, ҷои суст; **~о заключения** ҳабсхона; **~а общего пользования** ҷойҳои истифодаи умум; **~а не столь отдалённые** *уст.* бадарға *(одатан Сибирь)*; **бег на ~е** *спорт.* дар як ҷо истода ҳаракати тохтро кардан; **к ~у, у ~а** бамавқеъ, бамаврид; **не к ~у, не у ~а** бемавқеъ, бемаврид; **на ~е кого-л., на чьём-л. ~е** дар ҷои касе, дар ҳоли касе; **на [своём] ~е** дар мавқеи (ҷон) худ; **не на [своём] ~е** дар ҷои худ не; **на ~е преступления (застать, поймать** *и т. п.*) дар болои ҷиноят (доштан, дастгир кардан *ва ғ.*); **на ~е уложить (убить)** ҷо ба ҷо куштан; **не ~о** 1) **кому** ҷои... нест 2) **чему** *или с неопр.* лозим нест, набояд; **ни с ~а** 1) *(команда)* аз ҷоят (ҷоятон) наҷунб(ед)! 2) *(в том же состоянии)* ба ҳоли худ монда(аст), дар ҳоли пештара (бетағьир) монда(аст); **с ~а** якбора, бе таъхир, бе ҳаял; **с ~а в карьер** якбора, бетайёрӣ; **брать (взять) с ~а** якбора тез ҳаракат кардан; **знать своё ~о** ҳадди худро донистан; **иметь ~о** вуҷуд доштан, воқеъ шудан; **нет (не должно быть) ~а** набояд бошад; **не находить [себе] ~а** бетоқат (беқарор) шудан, дар изтироб (дар ҳаяҷон) будан; **поставить кого-л. на [своё] ~о, указать кому-л. [своё] ~о** касеро ба ҷояш шинонда мондан; **поставить себя на чьё-л. ~о** ба ҷои касе монда дидан; **уступить ~о чему** иваз шудан, ҷои худро додан; **глаза на мокром ~е** гирьёнчак; **душа не на ~е** дил беқарор аст; **живого ~а нет (не осталось)** ҷои солимаш нест (намондааст); **мокрое ~о останется, мокрого ~а не останется** *от кого прост.* тамоман нобуд мешавад, бо хок яксон мешавад

место- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҷой, макон, фазо»:* **местонахождение** ҷой, бошишгоҳ, макон

местожительство *с* ҷои (маҳалли) истиқомат, истиқоматгоҳ, макон, манзил; **временное ~** истиқоматгоҳи муваққатӣ; **постоянное ~** истиқоматгоҳи доимӣ

местоимение *с грам.* ҷонишин; **личное ~** ҷонишини шахсӣ

местоименн||ый, -ая, -ое *грам.* ...и ҷонишин, ҷонишинӣ; **~ые суффиксы** суффиксҳои ҷонишинӣ

местонахождение *с* ҷой, бошишгоҳ, макон; **~ школы** ҷои мактаб

местоположение *с* мавқеъ, ҷой

местопребывание *с* ҷой, маҳал, бошишгоҳ, макон; **его ~ мне неизвестно** бошишгоҳи у ба ман маълум нест

месторасположение *с см.* **местонахождение**

месторождéни||е *с* 1. ҷои таваллуд, зодгоҳ, ватан 2. *геол.* кон; **~е óлова** кони қалъагӣ; **нефтяные ~я** конҳои нафт

мест||ь *ж* интиқом, қасос, ниқор; **жáжда ~и** ташнаи интиқом ◇ **крóвная ~ь** *уст.* интиқоми хунӣ, хунгирӣ

месяц *м* 1. моҳ; **март ~** моҳи март; **~ тому́ назад** як моҳ пеш, як моҳ пеш аз ин; **чéрез три ~а** баъд аз се моҳ 2. *(луна)* моҳ; қамар; **~ скóро взойдёт** ба зуди моҳ мебарояд ◇ **медóвый ~** моҳи аввали заношуӣ, моҳи асал; **молодóй (нóвый) ~** моҳи нав, ҳилол

месяцами *нареч.* 1. чанд (чандин) моҳ боз, моҳҳо, моҳ-моҳ; **от негó ~ не бывáет вестéй** аз вай моҳҳо хабаре намеояд 2. *разг.* баъзе моҳҳо

месяцеслóв *м уст.* тақвим, солнома

месячина *ж ист.* озуқаи ҳармоҳа *(озуқае, ки помещик ба тариқи музд ҳар моҳ ба деҳқонони крепостной медод)*

мéсячник *м* якмоҳагӣ; **~ дéтской кни́ги** якмоҳагии китоби бачагона

мéсячн||ый, -ая, -ое 1. якмоҳа, моҳона, ...и як моҳ; **~ое задание** супориши якмоҳа; **~ый зáработок** музди кори якмоҳа 2. *(лунный)* ...и моҳ, ...и моҳтоб; **~ый свет** рӯшноии моҳ 3. *в знач. сущ.* **мéсячные** *мн. разг.* ҳайз

≈мéсячный, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ба маънои «моҳ»:* **двухмéсячный** думоҳа

мéт||а I *ж* аломат, нишон; **~ы на ушáх овéц** нишонаҳои гуши гусфандон

мета II, **метá** *ж уст.* 1. ҳадаф 2. *перен.* мақсад

метаболи́зм *м* метаболизм, мубодилаи модда *(дар организм)*

металл *м* металл, фулуз; **чёрные ~ы** металлҳои сиёҳ; **цветны́е ~ы** металлҳои ранга; **благорóдные (драгоцéнные) ~ы** металлҳои қиматбаҳо, фулузоти асил; **рéдкие ~ы** металлҳои камьёб ◇ **презрéнный ~** *шутл.* мулло ҷиринг *(пул)*

металлизáция *ж (по знач. гл.* **металлизи́ровать**) металлизация, металлизация кардан(и), металлонидан(и)

металлизи́рованн||ый, -ая, -ое *тех.* 1. *прич.* металлизация кардашуда, металлонидашуда 2. *прил.* металлпуш, металландуд; **~ое дéрево** чуби металлпуш

металлизи́ровать *несов. что тех.* металлизация кардан, металлонидан (1. *ба чуб барои аз пусиш муҳофизат кардани он зоки оҳан ё даҳани фаранг хурондан* 2. *ба чизе ҷилои металлӣ додан)*

металлизи́роваться *несов. страд.* металлизация карда шудан

металли́ст *м* металлист *(коргари саноати металл)*

металли́ческ||ий, -ая, -ое 1. металли, ...и металл; **~ий блеск** ҷилои металли; **~ое произвóдство** истеҳсолоти металл; **~ие пружи́ны** пружинаҳои металлӣ 2. *перен.* гушхарош, ҷарангосӣ; **~ий гóлос** овози гушхарош

металло≈ *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои «металл», «металлӣ»:* **металлоконстру́кции** конструкцияҳои металли

металловéд *м* металлшинос

металловедение *с* металлшиносӣ

металлографи́ческ||ий, -ая, -ое металлографӣ, ...и металлография; **~ие исслéдования** тадқиқоти металлографӣ

металлогрáфия *ж* металлография *(илме, ки сохти дохилию хусусиятҳои физикии металлҳо ва хулаҳоро меомузад)*

металлóид *м* металлоид *(номи пештараи элементҳои ғайриметаллӣ, мас. сульфур, фосфор ва м. ин)*

металлолóм *м* оҳанпора; **сбор ~а** ғун кардани оҳанпора

металлонóсный, -ая, -ое металлдор; **~ пласт** қабати металлдор

металлообрабáтывающ||ий, -ая, -ее металлкоркунанда, ...и металлкоркунӣ, ...и коркарди металл; **~ая промышленность** саноати металлкоркунӣ

металлообрабóтка *ж* коркарди металл

металлообрáзный, -ая, -ое металлмонанд

металлоплави́льн||ый, -ая, -ое металлгудоз, ...и металлгудозӣ; **~ая печь** кураи металлгудозӣ

металлопрокáтный, -ая, -ое ...и прокати металл; **~ стан** дастгоҳи прокатӣ

металлопромы́шленность *ж* саноати металлкоркунӣ (коркарди металл)

металлопромышленн||ый, -ая, -ое ...и саноати металлкоркунӣ, (коркарди металл); **~ые райóны** районҳои саноати металлкоркунӣ (коркарди металл)

металлорéжущий, -ая, -ее металлбур; **~ инструмéнт** асбоби металлбур

металлофóн *м муз.* металлофон *(навъи асбоби мусиқӣ иборат аз як қатор лавҳачаҳои металлиᵉ, ки ҳангоми бо кубакҳо задан овоз мебароранд)*

металлу́рг *м* металлург, мутахассиси металлургия; **инженéр-~** инженери металлург

металлурги́ческ||ий, -ая, -ое металлургӣ, ...и металлургия; **~ий завóд** заводи металлургӣ; **~ая лаборатóрия** лабораторияи металлургӣ

металлу́рги||я *ж* металлургия; **цветнáя ~я** металлургияи ранга; **чёрная ~я** металлургияи сиёҳ; **исслéдование в óбласти ~и** тадқиқоти соҳаи металлургия

метаморфи́зм *м геол.* метаморфизм, таносух *(тағьири сохт ва таркиби маъданиёт аз таъсири ҳодисаҳои химиявӣ ва физики)*

метаморфóз *м биол.* метаморфоз, таносух *(тағьири шакл ва намуди растанӣ, намуди зоҳирӣ ва тарзи зиндагонии ҳайвонот ҳангоми гузаштани онҳо аз як пояи инкишоф ба пояи дигари он)*; **~ гу́сеницы в ку́колку** зоча гаштани кирмак

метаморфоза *ж* 1. *см.* **метаморфоз**; 2. дигаргуни, тағьирот; **с ним произошлá непонятная ~** у ким-чӣ хел дигар шу дааст

метан *м хим.* метан, гази ботлоқ

метание *с (по знач. гл.* **метать** I) партофтан(и), андохтан(и), ҳаво додан(и); тухм гузоштан(и); зондан(и); кашидан(и), додан(и); *(по знач. гл.* **метáться** I) худро аз як тараф ба тарафи дигар андохтан(и), худро ин сӯю он сӯ партофтан(и), саросема гаштан(и); **~ копья́** найзапартой

метановый, -ая, -ое *хим.* метанӣ, ...и метан

метастáз *м мед.* реша давондан(и)

метатеза *ж лингв.* ҷойивазкунии овозҳо *(мас.* қуфл — кулф)

метáтель *м спорт.* партоянда, андозанда, ≈андоз; **~ копья́** найзаандоз

метáтельн||ый, -ая, -ое ҳавододашаванда, ҳаводиҳанда; **~ые снаря́ды** *спорт.* асбобҳои ҳавододашаванда

метáть I *несов.* 1. *что* партофтан, андохтан, ҳаво додан; **~ мяч** туб ҳаво додан; **~ гранáту** граната андохтан 2. *что* пароканда кардан, паррондан; **вéтер метáл сухи́е ли́стья** шамол баргҳои хушкро пароканда мекард 3. *что* сохтан, кардан; **~ стог** ғарам кардан 4. *кого-что* тухм гузоштан; зондан; **~ икру́** тухм гузоштан *(оид ба моҳӣ)* 5. *что и без доп. карт.* кашидан, додан; **~ кáрты** карта додан ◇ **~ банк** *карт.* қарта додан; қарта тақсим кардан; **~ би́сер пéред сви́ньями** лавзина ба гов додан; ба гӯши хар танбур навохтан; **~ жрéбий** қуръа партофтан; **~ пар** *с.-х.* шудгори тирамоҳӣ кардан; **рвать и ~** бисьёр оташин шудан

метáть II *несов. что* кук кардан, лаганда кардан ◇ **~ пéтли** 1) зеҳи тешуки тугмагузарониро кук кардан 2) *(путать следы — о зайце)* чапғалат додан *(оид ба харгуш, ки изашро нест кардани шуда, худро ба ҳар тараф меандозад)*

метáться I *несов.* 1. худро аз як тараф ба тарафи дигар андохтан, худро ин су-ои сӯ партофтан; **~ по кóмнате** худро аз як гӯша ба гушаи дигари хона партофтан 2. беқаророна ҷунбидан (паҳлу задан), беқарор шудан; **ребёнок мéчется во сне** кудак дар хоб беқаророна меҷунбад 3. *перен.* саросема гаштан, дар изтироб будан 4. *страд.* партофта (андохта) шудан; сохта шудан

метаться II *несов. страд.* кук карда шудан, лаганда карда шудан

метафи́зик *м* 1. метафизик; пайрави метафизика 2. *перен.* маҷҳуландеша, тирафикр

метафи́зика *ж* 1. *филос.* метафизика *(методи идрок, ки ба диалектика ҷид буда ҳодисаҳоро берун аз робитаи байниҳамдигарӣ, зиддиятҳо ва инкишоф а онҳо маънидод мекунад)* 2. *пере..* маҷҳулот, муҷаррадот, мубҳамот

метафизи́ческ||ий, -ая, -ое 1. *филос.* метафизикӣ 2. *перен.* муҷаррад, маҷҳул, мубҳам; **~ие рассуждéния** мулоҳизаҳои мубҳам

метафизи́чный, -ая, -ое (метафизичн-ен, -на, -но) *см.* **метафизический** 2

метафора *ж лит.* маҷоз, истиора

метафори́ческ||ий, -ая, -ое *лит.* 1. маҷозӣ, истиорагӣ; ~**ое выраже́ние** ибораи маҷозӣ 2. *(богатый метафорами)* пур аз аз маҷоз, пур аз истиора; ~**ий стиль рома́на** услуби маҷозии роман

метафори́чность *ж лит.* маҷозӣ (истиорагӣ) будан(и)

метафори́чный, -ая, -ое (метафори́ч|ен, -на, -но) *см.* **метафори́ческий**

мете́лица'*ж* 1. *см.* **мете́ль**; 2. метелица *(рақси халқии русҳо, украинҳо ва белорусҳо бо оҳангаш)*

метёлк||а *ж* 1. *см.* **метла́** 1; 2. *бот.* тудагул; ~**а камыша** тудагули қамиш ◇ **под** ~**у** *прост.* тамоман, ба куллӣ

метёлочн||ый, -ая, -ое 1. ...и чоруб; ~**ые пру́тья** химчаҳои чоруб 2. *бот.* ...и тудагул, ...и хушаи гул

мете́ль *ж* бурон, бурони барфӣ, дама́; ~ **бушева́ла три дня** бурони барфӣ се руз талотум мекард

мете́льный I, -ая, -ое ...и чоруб

мете́льн||ый II, -ая, -ое буронӣ, ...и бурон, ...и дама́; ~**ая пого́да** ҳавои бурон

мете́льчат||ый, -ая, -ое 1. чорубмонанд, чоруб барин; ~**ые верху́шки па́льмы** нугҳои чорубмонанди дарахти нахл 2. *бот.* ...и тудагул; ~**ые расте́ния** гиёҳҳои тудагул

метемпсихо́з *м* таносух

мете́ние *с (по знач. гл.* **мести́** 1) руфтан(и); ~ **у́лиц** руфтани кучаҳо

метённый *прич.* (мет|ён, -ена́, -ено) руфта кардашуда, чоруб кардашуда

метён||ый, -ая, -ое руфта, руфташуда; ~**ая ко́мната** хонаи руфташуда

ми́рно *нареч.* бо сулҳу салоҳ, оромона, бо оромӣ, бо осоиштагӣ

мирно́й, -а́я, -о́е *уст.* осоишта; дар ҷанг иштирок накунанда

ми́рн||ый, -ая, -ое (ми́р|ен, -на, -но) 1. осуда, ором(она), тинҷ, осоишта; ~**ый хара́ктер** хислати ором (осудахотир); ~**ая бесе́да** суҳбати оромона 2. ...и осоиш, ...и сулҳ, осоишта; ~**ое вре́мя** замони осоиш; ~**ое сосуществова́ние** ҳамзистии осоишта; ~**ое населе́ние** аҳолии осоишта; ~**ым путём** бо роҳи осоишта; ~**ый труд** меҳнати осоишта 3. сулҳдуст, сулҳпарвар, сулҳҷӯёна; ~**ое госуда́рство** давлати сулҳпарвар; ~**ая поли́тика** сиёсати сулҳҷӯёна 4. ...и сулҳ, ...и осоиштагӣ; ~**ая конфере́нция** конференцияи сулҳ 5. ором(она), осудахотир(она); ~**ый сон** хоби оромона

ми́ро *с церк.* ҳанут ◇ **одни́м (те́м же)** ~**м ма́заны** кар додари кур

мировоззре́ние *с* ҷаҳонбинӣ; **коммунисти́ческое** ~ ҷаҳонбинии коммунистӣ

мировоззре́нческий, -ая, -ое ...и ҷаҳонбинӣ

миров||о́й I, **-а́я, -о́е** 1. ...и дунъё, дунъёӣ, ...и олам, ...и ҷаҳон, ҷаҳонӣ, ...и гетӣ, ...и коинот; ~**о́е простра́нство** фазои олам; ~**а́я война́** ҷанги ҷаҳон; ~**а́я эконо́мика** иқтисодиёти дунъё; ~**о́й ры́нок** бозори ҷаҳонӣ; **собы́тие** ~**о́го значе́ния** ҳодисаи дорои аҳамияти ҷаҳонӣ; **в** ~**о́м масшта́бе** дар миқъёси ҷаҳон 2. оламшумул, дар ҷаҳон машҳур (шуҳратъёфта); **учёный с** ~**ы́м и́менем** олими дар ҷаҳон машҳур 3. *прост.* бисьёр хуб (нағз); ~**о́й па́рень** ҷавони бисьёр хуб ◇ ~**а́я ско́рбь** *лит.* ҳузни оламсуз

миров||о́й II, **-а́я, -о́е** 1. хушӣ ба хушӣ, ба ризоият; ~**а́я сде́лка** созиши хуши ба хушӣ 2. *юр.* оштидиҳанда; ~**о́й судья́** судьяи оштидиҳанда (*судьяе, ки корҳои майдаи гражданӣ ва ҷиноятиро ҳал мекунад — дар Англия, Франция, Америка ва пеш дар Россияи тореволюционӣ*); ~**о́й посре́дник** *ист.* миёнарави оштидиҳанда (*мансабдоре, ки дар Россияи тореволюционӣ ҷанҷолҳои заминро байни деҳқонон ва помещикон ҳал мекард*) 3. *в знач. сущ.* **миров́ой** *м разг. то же, что* **мирово́й судья́**; 4. *в знач. сущ.* **мирова́я** *ж разг.* созиш, сулҳ, оштӣ; **пойти́ на** ~**у́ю** оштӣ кардан // (*документ*) ҳуҷҷати созиш, созишнома; **подписа́ть** ~**у́ю** созишномаро имзо кардан, созишнома бастан

мирое́д *м уст. разг.* (*кулак*) муфтхӯр, золим, ҳаққимардумхӯр

мирое́дский, -ая, -ое *уст. разг.* ...и муфтхӯр, ...и золим

мирое́дство *с уст. разг.* муфтхӯрӣ, золимӣ

мирозда́ние *с книжн.* олам, коинот

мир||о́к *м* 1. тоифа, табақа, давра; **артисти́ческий** ~**о́к** давраи артистон 2. *перен.* олами (муҳити) маҳдуд; **жить в своём со́бственном** ~**ке́** дар олами маҳдуди **худ** зиндагонӣ кардан

миролю́бец *м* сулҳдуст, сулҳпарвар

миролюби́во *нареч.* сулҳдустона, сулҳпарварона, сулҳҷӯёна

миролюби́вость *ж* 1. сулҳдӯстӣ, сулҳпарварӣ, сулҳҷӯӣ, сулҳдуст будан(и) 2. (*напр. то́на*) оромона (осуда) будан(и)

миролюби́в||ый, -ая, -ое (миролюби́в, -а, -о) 1. сулҳдӯст(она), сулҳпарвар(-она), сулҳҷӯёна; ~**ые наро́ды** халқҳои сулҳдуст; ~**ая поли́тика Сове́тского Сою́за** сиёсати сулҳпарваронаи Иттифоқи Советӣ 2. ором(она), осуда, тинҷ; ~**ый тон** оҳанги (овози) оромона

миролю́бие *с* сулҳдӯстӣ, сулҳпарварӣ, сулҳҷӯӣ

мироощуще́ние *с* ҷаҳондарккунӣ, дарки муҳит

миропома́зание *с рел.* ҳанутмолӣ (*маросими динӣ насронӣ, ки ба кӯдакон баъди ғусли таъмид, ба подшоҳон ҳангоми тоҷгузорӣ ва ғ. ба шакли салиб равғани ҳанут мемолиданд*)

миропонима́ние *с* ҷаҳонфаҳмӣ

миросозерца́ние *с* ҷаҳонбинӣ

миросозерца́тельный, -ая, -ое ...и ҷаҳонбинӣ

миротво́рец *м уст.* сулҳовар, оштидиҳанда

миротво́рный, -ая, -ое *уст.* сулҳовар, осоишовар

миротво́рство *с уст.* сулҳоварӣ, оштидиҳӣ

ми́рра *ж* 1. ҳанут (*як хел қатрони хушбӯй*) 2. дарахти ҳанут (*дарахте, ки пусташ қатрони хушбӯй дорад*)

ми́рров||ый, -ая, -ое ...и ҳанут; ...и дарахти ҳанут; ~**ая кора́** пӯсти дарахти ҳанут; ~**ое ма́сло** равғани ҳанут

мирск||о́й, -а́я, -о́е 1. *уст.* ...и мардум, ҷамоатӣ; ~**а́я молва́, что морска́я волна́** *посл.* ≈ роҳи калонро баста мешавад, даҳони мардумро не 2. *уст.* ...и ҳаёт, ...и зиндагӣ; ~**и́е ра́дости** хурсандиҳои зиндагӣ; ~**а́я суета́** ташвиши зиндагӣ 3. *ист.* ...и община, общинагӣ, ...и аҳли деҳа; ~**а́я схо́дка** ҷамъомади аҳли деҳа

мирт *м*, **ми́рта** *ж* 1. *бот.* мӯрд 2. *уст. поэт.* гулчанбари (шохаи) мурд (*рамзи сулҳу осоиш*)

ми́ртов||ый, -ая, -ое 1. ...и мурд; ~**ая ро́ща** чакалаки мурд, мӯрдзор 2. *в знач. сущ.* **ми́ртовые** *мн. бот.* мурдиҳо

миря́нин *м уст.* 1. носут (*ба муқобили зоҳид*) 2. сокини деҳа, деҳотӣ 3. *мн.* **миря́не** халоиқ

ми́ска *ж* тос, лаганча, тағорача, шоҳкоса; **гли́няная** ~ шоҳкосаи сафол

ми́сочка *ж уменьш. к* **ми́ска** тағорача

мисс *ж нескл.* 1. мисс, хонимдухтар, бонудухтар 2. *уст.* (*гувернантка*) мураббияи хонагӣ

миссионе́р *м* миссионер, мубаллиғ (*таблиғотчии дине дар байни пайравони дини дигар*)

миссионе́рск||ий, -ая, -ое миссионерӣ, ...и мубаллиғ; ~**ие шко́лы** мактабҳои мубаллиғ

миссионе́рство *с* миссионерӣ, таблиғот

ми́ссис *ж нескл.* миссис, хонум, бону

ми́ссия *ж* 1. супориш, супориши махсус; **ва́жная** ~ супориши муҳим 2. вазифа; ~ **писа́теля** вазифаи нависанда 3. *дип.* сафорат, намояндагӣ 4. ҳайати вакилон; **торго́вая** ~ ҳайати вакилони тиҷорат 5. (*миссионерская организация*) маъмурияти мубаллиғон

ми́стер *м* мистер, ҷаноб

мисте́рия *ж ист.* мистерия (*тамошои драмавии динӣ дар асрҳои миёна*)

ми́стик *м* ориф, сӯфӣ, солик, зоҳид

ми́стик||а *ж* 1. тасаввуф 2. *перен. разг.* муаммо; **здесь нет никако́й** ~**и** дар ин ҷо ҳеҷ муаммое иест

мистифика́тор *м* фиребгар, қаллоб

мистифика́торский, -ая, -ое ...и фиребгар, ...и қаллоб

мистифика́ция *ж* фиребгарӣ, қаллобӣ; **полити́ческая** ~ қаллобии сиёсӣ

мистифици́ровать *сов., несов. кого* фиреб додан, қаллобӣ кардан

мистици́зм *м* тасаввуф

мисти́ческ||ий, -ая, -ое 1. тасаввуфӣ, ...и тасаввуф; ~**ая се́кта** тариқати тасаввуф 2. *перен.* сарбаста, муаммоӣ, номафҳум

мистра́ль *м* мистраль (*боди хунуку хушки шимолӣ ё шимолӣ-ғарбӣ*)

ми́стрис *ж нескл. уст.* мистрис; *см.* **ми́ссис**

мите́нки *мн.* (*ед.* **мите́нка** *ж*) *уст.* дастпушаки бепанҷаи занона

ми́тинг *м* митинг; ~ **проте́ста про́тив поджига́телей войны́** митинги эътироз бар зидди оташдиҳандагони ҷанг

митингова́ть *несов. разг.* 1. митинг кардан (гузарондан) 2. *перен.* гапҳои беҳуда задан, беҳуда гап задан, митингбозӣ кардан

митинго́вый, -ая, -ое митингӣ, ...и митинг

митка́лев||ый, -ая, -ое *текст.* митқолӣ, ...и митқол; ~**ое бельё** либоси митқолӣ

митка́ль *м текст.* митқол, хомсуф

ми́тра *ж церк.* митрона (*кулоҳи бошукуҳи маросимии митрон*)

митрополи́т *м церк.* митрон (*яке аз унвонҳои олии рӯҳониёни православӣ ва католикӣ*)

митрополи́чий, -ья, -ье *церк.* ...и митрон, митронӣ

митропо́лия *ж церк.* митрония (*но-*

ҳияи маъмурии калисо, ки идоракунандаи он митрон мебошад)

миф *м* 1. асотир, қисса, ривоят; ~ **об Антее** қиссаи Антей 2. *перен.* аҷонбот, ғароибот, муъҷиза; фасона, лоғ; **это чистейший** ~ ин фасонаи маҳз аст

мифическ||ий, -ая, -ое 1. асотирӣ; ~**ий образ** образи асотирӣ 2. *перен.* афсонавӣ, достонӣ, фавқулодда; ~**ие подвиги** қаҳрамониҳои афсонавӣ 3. *перен. разг.* сохта, бофта

мифичный, -ая, -ое (мифич|ен, -на, -но) *см.* **мифический** 2, 3

мифолог *м* асотиршинос

мифологическ||ий, -ая, -ое асотирӣ; ~**ие герои** қаҳрамонони асотирӣ

мифологи||я *ж* 1. асотир; **античная** ~**я** асотири антики 2. илми асотиршиносӣ; **изучать** ~**ю** асотирро омухтан

мифотворчество *с* эҷоди асотир

михрютка *м, ж прост. (замухрышка)* чурукак, нимҷон

мицелий *м бот.* мицелий *(танаи занбуруғ)*

мичман *м воен.-мор.* мичман *(1. унвони старшинаҳо дар ҚҲБ СССР дар солҳои 1940—71 2. аз соли 1972 унвони хизматчиёни ҳарбӣ, ки ба симати мутахассис ва ёрдамчии офицер ихтиёран дар ҳайати ҚҲБ СССР мондаанд* 3. *унвони талабагони колеҷҳои ҳарбии баҳрии Англия ва академияи ҳарбии баҳрии ШМА* 4. *унвони хурди офицерӣ дар ҚҲБ Россия)*

мичманка *ж разг.* мичманка, кулоҳи мичманӣ

мичманский, -ая, -ое мичманӣ, ...и мичман

мичурин||ец *м* мичуринчӣ, пайрави Мичурин; **юные** ~**цы** мичуринчиёни ҷавон

мичуринск||ий, -ая, -ое мичуринӣ, ...и Мичурин; ~**ие опыты** таҷрибаҳои мичуринӣ; ~**ий сорт яблок** навъи мичуринии себ

мишенный, -ая, -ое ҳадафӣ, нишонӣ, ...и ҳадаф, ...и нишон(а)

мишен||ь *ж* 1. ҳадаф, нишон(а); **близкие** ~**и** нишонҳои наздик; **стрелять по** ~**и** ба нишона тир задан 2. *перен.* ангуштнамо; **служить** ~**ью для насмешек** ангуштнамо шудан

мишка *ж разг.* хирсак // хирсча *(бозича)*

мишура *ж* 1. *(блёстки, нити и т. п.)* калобатун 2. *перен.* карруфарри зоҳирӣ, чизи дурахшони қалбакӣ

мишурность *ж* бокарруфар(р) будан(и); ~ **обстановки комнаты** бокарруфар(р) будани бисоти хона

мишурн||ый, -ая, -ое 1. ...и калобатун, калобатунӣ; ~**ые ткани** матоъҳои калобатунӣ 2. *перен.* ...и карруфар(р)и зоҳирӣ, қалбакӣ, зоҳирӣ; ~**ая роскошь** зинати зоҳирӣ

младен||ец *м* кудак, бача, тифл; **грудной** ~**ец** кӯдаки ширмак; **нянчиться с** ~**цем** бачапоӣ кардан; **связался чёрт с** ~**цем** *погов.* ≈ [қаллоб] гулаша ёфтааст // *перен.* кудак (бача) барин, содда, одами бетаҷриба (камтаҷриба); **он в этих делах сущий** ~**ец** вай дар ин корҳо тамоман бетаҷриба аст

младенческ||ий, -ая, -ое 1. ...и кудакӣ, ...и кудак, кудакона; ~**ий возраст** синни кудакӣ, кудакӣ 2. соддадил(она), софдил(она); ~**ая улыбка** табассуми софдилона 3. *перен.* ибтидоӣ, аввалин; ~**ий период в истории техники** давраи ибтидоии таърихи техника ◇ ~**ий лепет** гапҳои бачагона (соддалавҳона)

младенчеств||о *с* 1. кӯдакӣ, солҳои кудакӣ; **охрана материнства и** ~**а** муҳофизати кӯдаку модар; **в** ~**е** дар кудакӣ, дар солҳои кудакӣ 2. *перен.* ибтидо, саршавӣ; ~**о литературы** ибтидои адабиёт

младо: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҷавон», «нав»:* **младописьменный** навинхат

млад||ой, -ая, -ое (млад, -а, -о) *уст. поэт.* шабоб, барно; ~**ая жизнь** айёми шабоб ◇ **стар и млад** пиру ҷавон, пиру барно, хурду калон

младописьменн||ый, -ая, -ое *лингв.* навинхат; ~**ые языки** забонҳои навинхат

младость *ж уст. поэт.* шабобат

младш||ий, -ая, -ее 1. хурд, хурдӣ; ~**ий брат** додар; ~**ая сестра** хоҳар; ~**ие дети** кӯдакони хурдӣ 2. *в знач. сущ.* **младший** *м*, **младшая** *ж* хурдсол, хурдӣ; **спальня для** ~**их** хонаи хоби хурдсолон 3. *в знач. сущ.* **младшие** *мн.* хурдсолон, бачагони хурдсол; **дома остались только** ~**ие** дар хона танҳо хурдсолон (бачагони хурдсол) мондаанд 4. хурд; ~**ий лейтенант** лейтенанти хурд; ~**ий научный сотрудник** ходими хурди илмӣ 5. ибтидоӣ, поёнӣ; ~**ие классы школы** синфҳои поёнии мактаб

млеко *с уст. поэт.* шир

млекопитающи||е *мн.* (*ед.* **млекопитающее** *с*) *зоол.* ҳайвоноти ширхор (ширхӯр); **класс** ~**х** ҳайвоноти ширхор

мле||ть *несов.* 1. беҳол (бемадор) шудан; ~**ть от ужаса** аз тарсу ваҳм беҳол шудан 2. кайф (ҳаловат, завқ) кардан; **котёнок** ~**л у огня** гурбача дар назди оташ кайф мекард 3. *разг. (о ногах, руках)* шах (карахт) шудан

млечники *мн. бот.* рагҳои ширдор, ширалаф *(дар баъзе растаниҳо)*

млечн||ый, -ая, -ое 1. *уст. поэт.* ширӣ, ...и шир 2. *бот.* ширдор, ширмонанд; ~**ый сок** шираи ширмонанд; ~**ые сосуды** *см.* **млечники** ◇ **Млечный Путь** *астр.* Роҳи Каҳкашон, Гоҳангон

мм *межд.* ҳмм *(нидоест, ки беҷуръатӣ, дудилагиро ифода мекунад)*

мне *дат., предл. от* **я**

мнемоника *ж* мнемоника *(қоида ва усулҳои такмили қувваи ҳофиза)*

мнемоническ||ий, -ая, -ое мнемоникӣ, ...и мнемоника; ~**ие приёмы** усулҳои мнемоникӣ

мнемотехника *ж* 1. *см.* **мнемоника**; 2. *(эстрадно-цирковой жанр)* мнемотехника *(намоиши цирк ё эстрада, ки артист рақаму ашёву санаву номҳои тамошобинон аз дил гузарондаро гуфта медиҳад ва ба ин кор ёрдамчии артист бо рамзҳои махсус мадад мерасонад)*

мнемотехнический, -ая, -ое мнемотехникӣ, ...и мнемотехника

мнени||е *с* 1. фикр, мулоҳиза, андеша; **общественное** ~**е** афкори умум; **по моему** ~**ю** ба фикри ман; **высказать своё** ~**е** фикри худро баён кардан; **не разделять чьего-л.** ~**я** бо касе ҳамфикр нашудан, фикри касеро тарафдорӣ накардан 2. баҳодиҳӣ, хулоса, карордод, фикр; ~**е комиссии** хулосаи комиссия; **записать особое** ~**е** ба фикри аксарият ҳамроҳ нашуданро қайд кардан ◇ **быть высокого** ~**я о ком-чём-л.** ба касе, ба чизе баҳои баланд додан; **быть о себе высокого** ~**я** худписандӣ кардан

мнимость *ж* 1. хаёлӣ (тасаввурӣ) будан(и); ~ **опасности** хаёлӣ будани хатар 2. бардуруғӣ, сохтагӣ, қалбакӣ будан(и); ~ **раскаяния** бардуруғ будани тавба

мнимоумерший, -ая, -ее мурдаи бардуруғ, мурдаи сохта

мним||ый, -ая, -ое (мним, -а, -о) 1. хаёлӣ, тасаввурӣ, мавҳум; ~**ая опасность** хатари хаёлӣ 2. бардуруғ, сохта, қалбакӣ; ~**ое сострадание** дилсӯзии сохта ◇ ~**ые числа** *мат.* ададҳои тасаввурӣ

мнительность *ж* васвосӣ, бадгумонӣ, нобоварӣ; **излишняя** ~ бадгумонии аз ҳад зиёд

мнительный, -ая, -ое (мните|лен, -льна, -льно) васвосӣ, ваҳмак, бадгумон, нобовар; ~ **человек** одами васвосӣ (бадгумон)

мнить *несов. уст.* 1. тасаввур (фикр, гумон) кардан, пиндоштан 2. *с неопр.* умед доштан, умедвор будан ◇ **много (высоко)** ~ **о себе** калонтарошӣ (худписандӣ) кардан

мнит||ься *несов. безл. кому и без доп. уст.* 1. намудан, аз хаёл гузаштан 2. *в знач. вводн. сл.* **мнится** гуё, аз афташ; **я,** ~**ся, видел его** ман гуё ӯро дида будам

мног||ий, -ая, -ое 1. бисьёр, хеле, зиёд,. чандин; **прошли** ~**ие годы** солҳои бисьёре гузаштанд 2. *в знач. сущ.* **многие** *мн.* бисьёр касон; ~**ие уже пришли** бисьёр касон аллакай омаданд 3. *в знач. сущ.* **многое** *с* бисьёр чизҳо; **он прав во** ~**ом** гапи вай аз бисьёр ҷиҳат ҳақ аст; **это говорит о** ~**ом** ин ба бисьёр чизҳо далолат мекунад ◇ ~**ая лета** *церк.* умри дароз; **оставляет желать** ~**ого** чандон нағз не, мувофиқи табъ не

много *нареч.* 1. бисьёр, хеле, зиёд; ~ **знать** бисьёр чиз донистан 2. *в знач. числ.* бисьёр, миқдори зиёд; **прошло** ~ **лет** солҳои бисьёр гузашт; **это я** ~ **раз слышал** инро ман борҳо шунидаам 3. зиёд, бисьёр; **ты** ~ **разговариваешь**

ту бисьёр гап мезанӣ 4. *в знач. сказ.* зиёд[аст], бисьёр [аст]; **этого мне ~** ин барои ман бисьёр аст 5. *(многое)* бисьёр чизҳо 6. *в ритор. вопросах и восклицаниях:* **~ ль ты знаешь!** ту чӣ медонӣ!, ту гап мезанӣ-дия! 7. *в сочет. со сравн. см. прил. (гораздо)* бештар, зиёдтар, анча; **~ лучше** анча беҳтар 8. *разг. в сочет. с числ. (не больше, чем)* аз ... зиёд не, зиёд (бисьёр) бошад; **ещё год, ~ — два, и он уедет** баъд аз як сол, бисьёр бошад, баъд аз ду сол, вай меравад 9. *чаще с частицей «ли» (сколько)* зиёд-мӣ, бисьёрмӣ; **а ~ ли здесь садов?** дар ин ҷо боғ бисьёр-мӣ? ◇ **~-~** зиёд (бисьёр) бошад; **здесь ~-~ три килограмма** ин ҷо, зиёд бошад, се килограмм аст; **ни ~, ни мало** на каму на зиёд, айнан ҳамон қадар; **~ воды утекло** бисьёр вақт гузашт, чандин харбузапазӣ гузашт; **~ мнить о себе** калонтарошӣ (худписандӣ) кардан; **~ шуму из ничего** *погов.* ≈ якпула гап нею садпула ғавғо

много- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «бисьёр», «чанд» «сер»:* **многоквартирный** бисьёрквартира

многоактн||ый, -ая, -ое бисьёрпарда, серпарда; **~ая пьеса** пьесаи бисьёрпарда

многобожие *с* бисьёрхудоӣ, мушрикӣ *(эътиқод бо худоҳои бисьёр)*

многоборец *м спорт.* варзишгари бисьёрҳарба *(дар бисьёр навъҳои спорт мусобиқакунанда)*

многоборье *с спорт.* қувваозмоии бисьёрҳарба *(мусобиқа аз рӯи бисьёр навъҳои спорт)*; **занять первое место в ~** дар [мусобиқаи] варзиши бисьёрҳарба ҷои якумро ишғол кардан

многобрачие *с* бисьёрникоҳӣ; чандзанӣ, серзанӣ; чандшавҳарӣ, сершавҳарӣ

многобрачн||ый, -ая, -ое ...и бисьёрникоҳӣ; ...и чандзанӣ; ...и чандшавҳарӣ ◇ **~ые растения** растаниҳои дуҷинса

многовато *нареч. разг.* андаке зиёд; **этой материи будет ~ для костюма** ин матоъ барои костюм зиёдӣ мекунад

многовеков||ой, -ая, -ое бисьёрасрӣ, бисьёрасра, чандинасра; **~ая история** таърихи чандинасра

многовластие *с* бисьёрҳокимиятӣ *(дар як вақт дар як мамлакат мавҷуд будани якчанд органи ҳукуматӣ)*

многоводность *ж* серобӣ, сероб будан(и), пуробӣ, пуроб будан(и)

многоводн||ый, -ая, -ое (многовод|ен, -на, -но) 1. *(полноводный)* сероб, пуроб; **~ая река** дарьёи пуроб 2. *(обильный влагой)* сероб; **~ые луга** чаманзори сероб

многоводье *с* серобӣ; вақти серобӣ

многоглавый, -ая, -ое бисьёргунбаза; **~ собор** калисои бисьёргунбаза

многоговорящ||ий, -ая, -ее 1. сермаъно, сермазмун; **~ие цифры пятилетнего плана** рақамҳои сермазмуни плани панҷсола 2. пурмаъно, пурмазмун; **~ий взгляд** нигоҳи пурмаъно

многоголов||ый, -ая, -ое 1. бисьёрсара, чандсара; **~ое чудовище** аждаҳои чандсара 2. серодам; **~ая толпа** издиҳоми серодам; **~ое стадо** галаи сершумор

многоголосие *с* 1. *муз.* бисьёровозӣ, серовозӣ 2. *разг.* ғавғо, мағал

многоголосный, -ая, -ое *см.* **многоголосый**

многоголос||ый, -ая, -ое 1. *муз.* бисьёровоз, серовоз, ...и бисьёровозӣ; **~ое пение** хониши бисьёровозӣ 2. серовоз; **~ый гул толпы** ғавғои серовози тӯдаи мардум 3. *(шумный)* пурғалоғула, пурғавғо; **~ая толпа** тӯдаи пурғавғои мардум

многогранник *м геом.* бисьёррӯя

многогранность *ж* 1. бисьёррӯягӣ, серраҳӣ, серқиррагӣ, серраха будан(и); **~ призмы** бисьёррӯягии призма 2. *перен.* ҳартарафа будан(и), гуногунӣ; **~ актёрского мастерства** ҳартарафа будани санъати актёр; **~ интересов** гуногунии шавқу марок

многогранн||ый, -ая, -ое (многогран|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* бисьёррӯя, серрах, серраха, серқирра, чандпаҳлу; **~ая колонна** сутуни серраха; **~ая призма** *мат.* маншури бисьёррӯя 2. *перен.* ҳартарафа, аз бисьёр ҷиҳат қобилиятнок, пуристеъдод; **~ый талант** истеъдоди ҳартарафа

многогрешный, -ая, -ое (многогреш|ен, -на, -но) *уст. и шутл.* серғуноҳ, серайб, пургуноҳ, ...и гуноҳаш бисьёр

многодетност||ь *ж* сербачагӣ, серфарзандӣ; **пособие по ~и** нафақа барои сербачагӣ

многодетн||ый, -ая, -ое (многодет|ен, -на, -но) сербача, серфарзанд; **~ая мать** модари сербача

многодневн||ый, -ая, -ое чандрӯза, чандинрӯза; **~ое путешествие** сафари чандинрӯза

многодомн||ый, -ая, -ое *бот.* гуногунҷинса; **~ые растения** набототи гуногунҷинса

многодумный, -ая, -ое бисьёр фикркунанда, серандеша

многоженец *м* марди чандзана (серзан)

многожёнство *с* чандзанӣ, серзанӣ, полигамия *(шакли никоҳе, ки як мард якбора якчанд зан дошта метавонад)*

многожильный, -ая, -ое *тех.* серрессмон, серсим; **~ кабель** кабели серсим

многоземелье *с* серзаминӣ, бисьёр замин доштан(и)

многоземельный, -ая, -ое серзамин, ...и заминаш бисьёр; **~ колхоз** колхози серзамин

многознаменательный, -ая, -ое (многознаменате|лен, -льна, -льно) *см.* **многозначительный** 1

многозначащ||ий, -ая, -ее пурмаъно, пурмазмун; **~ие слова** суханҳои пурмаъно

многозначительно *нареч.* маънидорона; **~ улыбнуться** маънидорона табассум кардан

многозначительность *ж* 1. муҳиммӣ, муҳим будан(и) 2. пурмаъноӣ, пурмаъно будан(и)

многозначительн||ый, -ая, -ое (многозначите|лен, -льна, -льно) 1. муҳим; **~ые события** ҳодисаҳои муҳим 2. пурмаъно, пурмазмун; **~ый взгляд** нигоҳи пурмаъно

многозначность *ж* 1. *мат.* бисьёрқиматӣ; **~ формулы** бисьёрқиматии формула 2. *лингв.* сермаъноӣ; **~ слова** сермаъноии калима

многозначн||ый, -ая, -ое (многозначн|ен, -на, -но) 1. *мат.* бисьёрқимата; **~ое число** адади бисьёрқимата 2. *лингв.* сермаъно; **~ое слово** калимаи сермаъно

многоканальный, -ая, -ое серканал, бисьёрканал

многоквартирный, -ая, -ое бисьёрквартира, бисьёрквартирадор; **~ дом** хонаи бисьёрквартира

многокилометровый, -ая, -ое бисьёркилометрӣ, чандкилометра; **~ переход** роҳи бисьёркилометрӣ

многоклеточн||ый, -ая, -ое *биол.* серҳуҷайра; **~ые организмы** организмҳои серҳуҷайра

многокрасочн||ый, -ая, -ое (многокрасоч|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф. полигр.* бисьёрранга, гуногунранг; **~ая печать** чопи бисьёрранга, нашри гуногунранг; **~ые иллюстрации** расмҳои гуногунранг 2. *перен.* ҳархела, гуногун; **~ые впечатления** таассуроти гуногун

многократность *ж* мукаррарӣ, чандинборӣ

многократн||ый, -ая, -ое (многократ|ен, -на, -но) 1. такрорӣ, сертакрор, мукаррар, чандинбора; **~ые указания** нишондоди чандинбора 2. *тк. полн. ф.* чандинбора, чандинкарата; **~ое увеличение** калон (зиёд) кардани чандинбора; **~ый бинокль** дурбини чандинкарата ◇ **~ый глагол** *грам.* феъли бисьёркарата (*мас.:* видывать борҳо дидан)

многоламповый, -ая, -ое *радио* серлампа, чандлампа; **~ радиоприёмник** радиоприёмники чандлампа

многолемешный, -ая, -ое *с.-х.* серпоза, бисьёрпоза; **~ плуг** плуги бисьёрпоза

многолепестковый, -ая, -ое *бот.* сергулбарг

многолесн||ый, -ая, -ое сербеша, серҷангал; **~ые районы** районҳои сербеша

многолетие *с* 1. *уст.* дарозумрӣ, умри дароз, умрдарозӣ 2. *церк.* «умри дароз»

многолетн||ий, -яя, -ее 1. чандинсола, бисьёрсола, дуру дароз; **~ий труд** меҳнати чандинсола 2. *(о человеке)* куҳансол, солхурда; **~ий старец** муйсафеди куҳансол 3. *бот.* бисьёрсола, чандинсола; **~ий цветок** гули бисьёрсола; **~ие травы** алафҳои бисьёрсола

многолетник *м бот.* гиёҳи бисьёрсола

многолик||ий, -ая, -ое (многолик, -а, -о) 1. серодам; **~ая толпа** издиҳоми 2. *перен.* гуногун, мухталиф, ҳархела, гуногунхел

многолю́дно 1. *нареч.* серодам 2. *в знач. сказ. безл.* серодам аст, одам бисьёр аст; **в па́рке ве́чером** ~ дар чорбоғ шабона одам бисьёр аст

многолю́дность *ж* серодамӣ, сераҳолигӣ

многолю́дн||ый, -ая, -ое (многолю-д|ен, -на, -но) серодам, сераҳолӣ, ...и аҳолиаш зиёд; **~ый ми́тинг** митинги серодам; **~ый посёлок** посёлкаи сераҳолӣ

многолю́дство, многолю́дье *с см.* **многолю́дность**

многоме́рность *ж* бисьёрчена будан(и)

многоме́рный, -ая, -ое бисьёрчена

многоме́стный, -ая, -ое серҷой, бисьёрҷоя, дорои ҷои зиёд; ~ **самолёт** самолёти бисьёрҷоя

многомиллио́нн||ый, -ая, -ое бисьёрмиллионӣ; **~ые ма́ссы трудя́щихся** оммаи бисьёрмиллиони меҳнаткашон; **~ая а́рмия борцо́в за мир** армияи бисьёрмиллиони муборизони роҳи сулҳ

многомото́рный, -ая, -ое бисьёрмотора, сермотора; ~ **самолёт** самолёти бисьёрмотора

многому́жество *с см.* **многому́жие**

многому́жие *с* сершавҳарӣ, полиандрия *(шакли никоҳе, ки як зан дар айни вақт якчанд шавҳар дошта метавонад)*

многонациона́льность *ж* сермиллатӣ, бисьёрмиллатӣ, сермиллат будан(и); ~ **Сове́тского госуда́рства** сермиллатии Давлати Советӣ

многонациона́льн||ый, -ая, -ое (многонациона́|лен, -льна, -льно) сермиллат, бисьёрмиллат; **~ое госуда́рство** давлати сермиллат; **~ое иску́сство** санъати сермиллат, санъати миллатҳои гуногун

многонача́лие *с* бисьёрсардорӣ

многоно́жка *ж* 1. *бот.* фарна 2. *мн.* **многоно́жки** *зоол.* ҳазорпоён

многообеща́ющ||ий, -ая, -ее 1. умедбахш, шуданӣ, ...иояндааш дурахшон; **~ий молодо́й поэ́т** шоири ҷавониояндааш дурахшон 2. пурмазмун, бомазмун, маънидор; **~ий взгляд** нигоҳи пурмазмун; **~ая улы́бка** табассуми маънидор

многообра́зие *с* сершаклӣ, гуногуншаклӣ, гуногунӣ; ~ **форм жи́зни** гуногуншаклии ҳаёт

многообра́зность *ж* сершаклӣ, гуногуншаклӣ, гуногунӣ; ~ **приро́ды** гуногуншаклии табиат; ~ **кра́сок** гуногунии рангҳо

многообра́зн||ый, -ая, -ое (многообра́з|ен, -на, -но) сершакл, гуногуншакл, гуногун; **~ые явле́ния** ҳодисаҳои гуногун; **~ые слу́чаи** мавридҳои (ҳодисаҳои) гуногун

многоо́пытный, -ая, -ое (многоо́пыт|ен, -на, -но) пуртаҷриба, ...и таҷрибааш калон; ~ **педаго́г** педагоги пуртаҷриба

многоо́сный, -ая, -ое сермеҳвар, бисьёртира, серчарх, чандинчарха; ~ **автомоби́ль** мошини серчарха

многоотраслев||о́й, -а́я, -о́е серсоҳа, бисьёрсоҳа; **~о́е хозя́йство** хоҷагии серсоҳа

многопо́лье *с уст. с.-х.* киштгардон

многопо́льный, -ая, -ое *с.-х.* ...и киштгардон

многопро́фильный, -ая, -ое серсоҳа

многора́зов||ый, -ая, -ое батакрор, такроран, чандбора; **косми́ческий кора́бль ~ого испо́льзования** киштии кайҳонии батакрор истифодашаванда

многоречи́вость *ж* пургуӣ, сергапи, лаққигӣ; кашолгапӣ

многоречи́вый, -ая, -ое (многоречи́в, -а, -о) *(о челове́ке)* пургӯй, сергап, лаққӣ; *(о ре́чи, те́ксте)* кашолгап; ~ **докла́д** маърузаи кашолгап

многосеме́йность *ж* аёлмандӣ; сербачагӣ

многосеме́йный, -ая, -ое аёлманд, ...и оилааш калон; сербача

многоси́льный, -ая, -ое зӯр, боиктидор, қавӣ, боқувват; ~ **мото́р** мотори боиктидор

многосло́вие *с* сергапӣ, пургапӣ, пургуӣ; кашолгапӣ

многосло́вность *ж см.* **многосло́вие**

многосло́вный, -ая, -ое (многосло́в|ен, -на, -но) *(о челове́ке)* сергап, пургап, пургуй, лаққӣ; *(о те́ксте)* кашолгап; ~ **докла́дчик** маърузачии сергап; ~ **рома́н** романи дурмадароз

многосло́жность *ж* 1. *грам.* серҳиҷоӣ, чандҳиҷоӣ 2. *лит.* серрукнӣ, серрукн будан(и)

многосло́жн||ый I, -ая, -ое 1. *грам.* серҳиҷо; **~ое сло́во** калимаи серҳиҷо 2. *лит.* серрукн; **~ый разме́р стиха́** вазни серрукни шеър

многосло́жный II, -ая, -ое (многосло́ж|ен, -на, -но) *уст.* хеле мураккаб, печ дар печ

многосло́йный, -ая, -ое (многосло́|ен, -йна, -йно) серқабат(а), бисьёрқабата; ~ **карто́н** картони серқабата

многососта́вный, -ая, -ое сертаркиб, мураккаб; ~ **раство́р** маҳлули мураккаб

многостано́чник *м* бисьёрдастгоҳчӣ, коргари сердастгоҳ *(касе, ки як худаш дар як вақт чандин дастгоҳро идора мекунад)*

многостано́чница *женск. к* **многостано́чник**

многостано́чный, -ая, -ое ...и сердастгоҳ, ...и чандин дастгоҳ

многоство́льный, -ая, -ое *воен.* сермила; ~ **миномёт** миномёти сермила

многостепе́нность *ж* сердараҷагӣ, сердараҷа (бисьёрдараҷа) будан(и); ~ **вы́боров** сердараҷагии интихобот

многостепе́нн||ый, -ая, -ое сердараҷа, бисьёрдараҷа; **~ые вы́боры** интихоботи сердараҷа *(системаи интихоботе, ки дар он интихобкунандагон танҳо касони алоҳидаро интихоб мекунанд ва инҳо дар навбати худ депутатҳо ё интихобкунандагони дигарро интихоб менамоянд)*

многосто́пный, -ая, -ое *лит.* серрукн, бисьёррукн

многосторо́нн||ий, -яя, -ее (многосторо́н|ен, -ня, -не) 1. *тк. полн. ф. мат.* бисьёрруя, серруя, серраха, серпаҳлу; **~яя при́зма** призмаи бисьёрруя 2. чандтарафа; **~ее соглаше́ние** шартномаи чандтарафа 3. ҳартарафа; **~ее образова́ние** маълумоти ҳартарафа

многосторо́нность *ж* 1. *мат.* бисьёррруягӣ, серруягӣ, серрахӣ, серпаҳлу будан(и) 2. чандтарафагӣ, чандтарафа будан(и); ~ **догово́ра** чандтарафа будани шартнома 3. ҳартарафагӣ, ҳартарафа будан(и); ~ **обуче́ния** ҳартарафа будани таълим

многострада́льн||ый, -ая, -ое (многострада́|лен, -льна, -льно) ҷафодида, ситамдида, мусибатзада; **~ая мать** модари ҷафодида

многостру́нный, -ая, -ое сертор

многоступе́нчат||ый, -ая, -ое *тех.*: **~ая раке́та** ракетаи серзина *(ракетае, ки ҳар яке аз зинаҳои он муҳаррики алоҳида дорад)*

многотира́жка *ж разг.* газетаи корхона *(заво́д, муассиса, фабрика ва ғ.)*; **заводска́я** ~ газетаи завод

многотира́жн||ый, -ая, -ое серадад, бисьёрнусха; **~ые изда́ния** нашрҳои серадад

многото́мн||ый, -ая, -ое бисьёрҷилда, чандинҷилда, чандинҷилдӣ; **~ое собра́ние сочине́ний** маҷмуаи бисьёрҷилдаи асарҳо

многото́нный, -ая, -ое чандинтоннагӣ; ~ **мо́лот** болғаи чандинтоннагӣ

многото́чие *с* бисьёрнуқта, нуқтаҳо, сенуқта

многотру́дн||ый, -ая, -ое (многотру́д|ен, -на, -но) *книжн.* пуразаб, пурмашаққат; **~ая жизнь** зиндагии пурмашаққат

многоты́сячн||ый, -ая, -ое бисьёрҳазорӣ; **~ая демонстра́ция** намоиши бисьёрҳазорӣ

многоуважа́емый, -ая, -ое 1. муҳтарам, соҳибэҳтиром; ~ **челове́к** шахси мӯҳтарам 2. *в знач. сущ. уст.* **многоуважа́емый** *м* муҳтарам, гиромӣ; **многоуважа́емая** *ж* муҳтарама, азиза

многоуго́льник *м геом.* бисьёркунҷа, серкунҷа; **непра́вильный** ~ бисьёркунҷаи номунтазам

многоуго́льный, -ая, -ое бисьёркунҷа, серкунҷа

многофа́зный, -ая, -ое *тех.* серфаза, бисьёрфаза; ~ **ток** ҷараёни серфаза

многоцве́тность *ж* ранга (рангоранг, бисьёрранга) будан(и)

многоцве́тн||ый, -ая, -ое 1. (многоцве́т|ен, -на, -но) ранга, рангоранг, гуногунранг, бисьёрранга; **~ые обо́и** зардеворнҳои ранга 2. *см.* **многокра́сочный** 1; 3. *бот.* бисьёргулдор; бисьёргулдорҳо

многочи́сленность *ж* сершумори, бисьёрӣ, бисьёр будан(и); калон(и); ~ **семьи́** калонии оила; ~ **населе́ния** сершумории аҳолӣ

многочи́сленн||ый, -ая, -ое (многочи́слен, -на, -но) сершумор, бисьёр, мул, зиёд; калон; **~ая родня́** хешу табори бисьёр

многочле́н *м мат.* бисьёраъзо

многочле́нн||ый, -ая, -ое 1. серқисм, серҳисса 2. *мат.* ...и бисьёраъзо; ~**ое выраже́ние** ифодаи бисьёраъзо

многоэта́жный, -ая, -ое серошьёна, серқабата, чандқабата, бисьёрошьёна; ~ **дом** бинои серошьёна

многоязы́чн||ый, -ая, -ое (многоязы́ч|ен, -на, -но) 1. серзабон, бисьёрзабона; ~**ая толпа** издиҳоми бисьёрзабона (бо чандин забон гапзананда) 2. чандзабона; ~**ые словари́** луғатҳои чандзабона

многоя́русный, -ая, -ое чандқабата, серошьёна; ~ **стадио́н** стадиони чандқабата

мно́жественность *ж* бисьёрӣ, сершуморӣ, афзунӣ

мно́жественн||ый, -ая, -ое бисьёр, зиёд ◇ ~**ое число́** *грам.* шакли ҷамъ, ҷамъ

мно́жество *с* маҷмуъ, бисьёрӣ, зиёдӣ, адади калон, сершуморӣ, бисьёр будан(и); ~ **книг** бисьёрии китоб; ~ **дете́й** сершумории бачагон ◇ **вели́кое** ~ аз ҳад бисьёр, фаровон; **тео́рия мно́жеств** назарияи маҷмуъ

мно́жимое *с мат.* зарбшаванда, мазруб

мно́житель *м мат.* зарбкунанда, зориб

мно́жительный, -ая, -ое ...и чоп, ...и нашр, чопкунанда, нашркунанда; ~ **аппара́т** аппарати чоп (нашр)

мно́жить *несов.* 1. *что мат.* зарб задан (кардан); ~ **пять на́ три** панҷро ба се зарб задан; ~ **в уме́** дар дил зарб задан 2. *кого-что* бисьёр (зиёд) кардан, афзудан; ~ **ряды́ борцо́в за мир** сафҳои муборизони роҳи сулҳро зиёд кардан

мно́житься *несов.* 1. бисьёр (зиёд) шудан, афзудан 2. *уст.* бисьёр зоида шудан 3. *страд.* зарб карда шудан, зарб зада шудан

мобилизацио́нн||ый, -ая, -ое мобилизационӣ, ...и мобилизация, ...и сафарбарӣ; ~**ый пункт** пункти мобилизация; **в** ~**ой гото́вности** дар ҳолати мобилизация

мобилиза́ци||я *ж* 1. мобилизация, сафарбарӣ; **всео́бщая** ~**я** мобилизацияи умумӣ; **объяви́ть** ~**ю** мобилизация эълон кардан 2. *перен.* сафарбарӣ, ҷалб кардан(и); ~**я жи́телей для борьбы́ с наводне́нием** сафарбарии аҳолӣ барои мубориза бар зидди обхезӣ 3. ҳарбӣ кунондан(и), ба ҳолати ҳарбӣ гузарондан(и); ~**я эконо́мики** ҳарбӣ кунондани иқтисодиёт 4. *перен.* ба кор андохтан(и), сафарбарӣ; ~**я вну́тренних ресу́рсов** ба кор андохтани захираҳои дохилӣ

мобили́зм *м геол.* мобилизм (*фарзияи оид ба ҳаракати қисматҳои азими қишри Замин*)

мобилизо́ванность *ж* омодагӣ, муҳайё будан(и)

мобилизо́ванный, -ая, -ое 1. *прич.* мобилизация кардашуда, сафарбарӣ кардашуда 2. *в знач. сущ.* **мобилизо́ванный** *м* мобилизацияшуда, сафарбаришуда

мобилизова́ть *сов., несов. кого-что* 1. мобилизация (сафарбарӣ) кардан; ~ **военнообя́занных** уҳдадорони ҳарбиро мобилизация кардан 2. *перен.* (*привлечь*) сафарбарӣ кардан, ҷалб кардан; ~ **на выполне́ние пла́на** барои иҷрои план сафарбарӣ кардан; ~ **внима́ние** диққатро ҷалб кардан 3. ҳарбӣ кунондан, ба ҳолати ҳарбӣ гузарондан; ~ **произво́дство** истеҳсолотро ба ҳолати ҳарбӣ гузарондан 4. *перен.* ба кор андохтан, сафарбарӣ кардан; ~ **запа́сы сырья́** захираҳои ашьёи хомро ба кор андохтан; ~ **все си́лы** тамоми қувваро сафарбарӣ кардан

мобилизова́ться 1. *сов., несов.* сафарбарӣ шудан 2. *несов. страд.* мобилизация (сафарбарӣ) карда шудан

моби́льность *ж* зудҳаракатӣ, тезҳаракат будан(и); ~ **а́рмии** зудҳаракатии армия

моби́льн||ый, -ая, -ое (моби́|лен, -льна, -льно) мутаҳаррик, зудҳаракат, тезҳаракат; ~**ые во́йска** қушунҳои зудҳаракат

могика́не *мн.* могиканҳо (*қабилаи ҳиндуёни Америкаи Шимолӣ, ки ниҳоят кам мондаанд; маҷозан — касони охирини ин ё он кавму қабила*)

моги́л||а *ж* 1. гур, кабр, лаҳад; **забро́шенная** ~**а** қабри куҳна; **мо́ре ста́ло его́** ~**ой** баҳр гури у шуд 2. *перен.* марг, ҳалокат; **врагу́ не уйти́ от свое́й** ~**ы** марги душман ногузир аст 3. *в знач. сказ. разг.* марговар аст, хатарнок аст; **э́тот кли́мат для него́** ~**а** ин обу ҳаво барои у марговар аст 4. *в знач. сказ. разг.* (*будет сохранено в тайне*): **ему́ всё мо́жно рассказа́ть: он —** ~**а** ба вай ҳама чизро нақл кардан мумкин, вай сирро нигоҳ дошта метавонад ◇ **бра́тская** ~**а** қабри шаҳидон; **до** ~**ы** то ба ҳангоми марг; **быть на краю́** ~**ы** по ба лаби гӯр расидан, дар дами марг будан; **лечь в** ~**у** мурдан, вафот кардан; **найти́** ~**у** мурдан, нобуд шудан; **рыть (копа́ть)** ~**у кому́-л.** ба касе чох кандан; **свести́ (уложи́ть) в** ~**у** *кого* куштан; ба гур тиққондан; **смотре́ть (гляде́ть) в** ~**у** дар дами марг будан; **сойти́ в** ~**у** ба гур рафтан, вафот кардан; **стоя́ть одно́й ного́й в** ~**е** дар дами марг будан, пой ба лаби гур расидан; **унести́ [с собо́й] в** ~**у что́-л.** чизе нагуфта мурдан, сирреро ошкор накарда мурдан

моги́лка *ж уменьш.-ласк. к* **моги́ла** 1

моги́льник *м* 1. (*древнее кладбище*) қабристони (гуристони) қадим 2. *зоол.* лошахур

моги́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и гур, ...и қабр, ...и лаҳад; ~**ый холм** хоктудаи қабр 2. *уст. поэт.* ...и марг, ...и аҷал; ~**ый звон** хабари аҷал 3. гур барин, ...и гур, ...и қабр, қабрмонанд; ~**ый хо́лод** хунукии қабр; ~**ая тишина́** хомушии гуристон 4. *разг.* (*о голосе*) паст, гирифта; **говори́ть** ~**ым го́лосом** бо овози паст гап задан

моги́льщик *м* 1. гурков, қабркан 2. *перен.* гурков 3. *зоол.* кирми гур

могу́тный, -ая, -ое *обл. и фольк.* қавӣ, зӯр, қодир

могу́ч||ий, -ая, -ее (могу́ч, -а, -е) 1. тавоно, қавӣ, зур, боқувват; ~**ий тигр** бабри зур; ~**ий органи́зм** организми тавоно; ~**ие ру́ки** бозувони тавоно 2. бузург, калон, азим; зӯр, сахт; ~**ий тала́нт** истеъдоди калон; ~**ий пото́к** сели азим // (*о деревьях*) калон, азим; ~**ий дуб** дарахти азими булут 3. боиқтидор, муқтадир, тавоно, пурзур, боқудрат; ~**ее госуда́рство** давлати муқтадир; ~**ая Сове́тская А́рмия** Армияи тавонои Советӣ 4. *перен.* азим, пурҳашамат, муҳташам; ~**ие го́рные це́пи** қаторкуҳҳои азим ◇ **Могу́чая ку́чка** *ист. муз.* Дастаи муқтадир (*гуруҳи композиторони пешқадами рус, ки дар нимаи дуюми асри 19 барои инкишоф додани мусиқии миллӣ мубориза мебурданд*)

могу́щественность *ж* 1. пуриқтидорӣ, тавоноӣ, пурзурӣ 2. *перен.* пурзурӣ, муҳиммӣ, таъсирнокӣ

могу́щественн||ый, -ая, -ое (могу́ществен, -на, -но) 1. пуриқтидор, тавоно, пурзӯр; ~**ая держа́ва** давлати тавоно 2. *перен.* муҳим, таъсирбахш; ~**ое сре́дство** воситаи (чораи) таъсирбахш

могу́щество *с* қудрат, иқтидор, тавоноӣ, пурзӯрӣ; ~ **страны́** тавоноии мамлакат

мо́д||а *ж* 1. мод, мӯд; **войти́ в** ~**у** мод шудан; **быть оде́тым по** ~**е** аз рӯи мод либос пӯшидан 2. *мн.* **мо́ды** модҳо, мӯдҳо; **журна́л мод** журнали модҳо 3. *разг.* (*привычка*) одат ◇ **после́дний крик** ~**ы** охирин моди навбаромад

мода́льность *ж лингв.* модалӣ будан(и), модальнокӣ (*категорияи грамматикӣ, ки нисбати мазмуни нутқро ба воқеият ифода менамояд ва бо воситаи сиға, оҳанг, ибораҳои туфайлӣ ва ғ. тавсиф дода мешавад*)

мода́льн||ый, -ая, -ое *лингв.* модалӣ; ~**ые глаго́лы** феълҳои модалӣ

моделиро́вание *с* (*по знач. гл.* **моделировать** !) амсиласозӣ, тарҳсозӣ, намуна сохтан(и); ~ **оде́жды** сохтани намунаи либос

модели́ровать *сов., несов. что* 1. амсила (тарҳ, намуна) сохтан 2. такмила (ислоҳ, мукаммал кардан); ~ **скульпту́ру** ҳайкал ислоҳ кардан 3. соясозӣ кардан; ~ **карти́ну** расмро соясозӣ кардан

модели́ст *м* амсиласоз, такмилгар

модели́стка *ж* 1. *женск. к* **модели́ст**; 2. дузандаи баландихтисос

моде́л||ь *ж* 1. намуна; ~**и о́буви** намунаҳои пойафзол 2. тамсила (*шакли хурд карда гирифтаи ягон чиз*); ~**и самолётов** тамсилаҳои самолётҳо 3. навъ, сохт; **но́вая** ~**ь станка́** сохти нави дастгоҳ 4. *уст. иск.* колбад (*намунае, ки аз рӯи он расм мекашанд ё ҳайкал месозанд*) 5. *тех.* колиб; **лите́йная** ~**ь** қолиби рехтагарӣ ◇ **для** ~**и** барои намуд, рӯякӣ

модельéр *м* тархсоз; ~ **мужскóго плáтья** тархсози либоси мардона

модéльн||ый, -ая, -ое 1. ...и амсиласозӣ; ~**ая мастерскáя** устохонаи амсиласозӣ 2. намунавӣ; ~**ая óбувь** пойафзоли намунавӣ

модéльщик *м* модельсоз

модéльщица *ж* 1. *женск.* к **модéльщик**; 2. модельчизан *(занаки модели шляпа тайёркунанда)*

модерáто *муз.* модерато *(1. нареч. бо эътидол 2. с нескл. асари мусиқӣ, ки бо эътидол навохта мешавад)*

модерáтор *м* модератор *(лавҳачаи чӯбини моҳут ё чармбасти таки кубаки пианино барои суст кардани овоз)*

модéрн *м нескл.* 1. модерн, ҷадид *(равияи услуби санъати охири асри 19 ва ибтидои асри 20 Америка ва Европаи Ғарбӣ, ки дар роҳи рафъи эклектизми санъати буржуазӣ ба вуҷуд омада алалхусус дар меъморӣ воситаҳои нави техникӣ ва бинокориро истифода мебарад)*; **дом в стúле** ~ бинои услубаш ҷадид 2. *в знач. неизм. прил.* модерн, ҷадид; **стиль** ~ услуби модерн

модернизáтор *м* модернизациякунанда, навкунанда

модернизáция *ж (по знач. гл.* **модернизúровать)** модернизациякунӣ; навкунӣ; ~ **станкá** навкунии дастгоҳ

модернизúровать *сов., несов. что* модернизация кардан, нав кардан; ~ **станкú** дастгоҳҳоро нав кардан

модернизúроваться *сов., несов.* модернизация шудан, нав шудан

модернúзм *м иск.* модернизм *(номи умумии чанд равияҳои санъат ва адабиёти буржуазии охири асри 19 ва аввали асри 20—кубизм, дадаизм, футуризм ва ғ., ки зуҳуроти таназзули санъати буржуазӣ мебошанд)*

модернизовáть(ся) *сов., несов. см.* **модернизúровать(ся)**

модернúст *м* модернист, пайрави модернизм

модернúстск||ий, -ая, -ое ...и модернизм, модернистӣ, ...и модернист; ~**ая архитектýра** архитектураи модернисти

модúстка *ж уст.* хайёта

модификáторы *мн. (ед.* **модификáтор** *м)* тағйирдиҳандаҳо, дигарсозандаҳо *(моддаҳои махсус, ки андаки онҳо сифати металлро дигар мекунанд)*

модификациóнн||ый, -ая, -ое мутағайир, тағйирёфта, дигаргуншуда; ~**ые óрганы** узвҳои дигаргуншуда

модификáци||я *ж* 1. тағйирьёбӣ, дигаргуншавӣ 2. навъ, хел, шакли дигар; **снег, град, úней** — ~**и льда** барф, жола, қирав — навъҳои яханд

модифицúрование *с (по знач. гл.* **модифицúровать)** тағйир додан(и), дигар кардан(и)

модифицúровать *сов., несов. что книжн.* тағйир додан, дигаргун кардан, шаклан тағйир додан

модифицúроваться 1. *сов., несов. книжн.* тағйир ёфтан, дигаргун шудан, шаклан тағйир ёфтан 2. *несов. страд.* тағйир дода шудан, шаклан дигаргун карда шудан

мóдник *м разг.* олуфтаи мӯдпараст

мóдница *женск. к* **мóдник**

мóдничать *несов. разг.* 1. *(франтить)* мӯдпарастӣ кардан, ба мод (мӯд) пайравӣ кардан, худпардозӣ кардан 2. *перен. (жеманничать)* таннози кардан

мóдность *ж* мувофиқи мод (муд) будан(и); ~ **плáтья** мувофиқи мод будани курта

мóдн||ый, -ая, -ое (мóд|ен, -нá, -но) 1. мудшуда, ...и мод, ...и муд; расмшуда; ~**ое платье** либоси модшуда 2. машҳур, шуҳратьёфта, овоза пайдокарда; ~**ый поэ́т** шоири овозадор 3. мӯдпараст; ~**ый мужчúна** марди мӯдпараст 4. *тк. полн. ф.* ...и модхо, ...и мудҳо; ~**ый журнáл** журнали модҳо

модулúрование *с (по знач. гл.* **модулúровать)** модуляция, модулиронӣ, тағйирдиҳӣ

модулúровать *несов.* 1. *муз.* модуляция кардан *(аз як лаҳн ба лаҳни дигар гузаштан)* 2. *физ.* модуляция кардан, тағйир додан

модулúроваться *несов. страд.* модуляция карда шудан, тағйир дода шудан

мóдуль *м* модуль *(1. номи ин ё он коэффициент ё бузургии муҳим, масалан, модули чандирӣ, модули ададҳои комплексӣ 2. воҳиди шартӣ дар бинокорӣ ва санъати меъморӣ, одатан андозаи як қисми бино ё иншоот, ки аз рӯи он тамоми андозаи бино ё иншоот ба ҳисоб гирифта мешавад 3. қисми таҷҳизоти гуногуни техники, ки аз чанд қисматҳо иборат аст во ҳар яке ягон кори алоҳидаро анҷом медиҳад 4. номи чузъи киштии қайҳонӣ, масалан, модули фурудоии киштии кайҳонии «Аполлон»)*

мóдульный, -ая, -ое *в разн. знач.* модули; ~ **коэффициéнт** коэффициенти модули

модуля́тор *м тех.* модулятор *(таҷҳизотест барои модулонии лаппишҳои электрикӣ)*

модуля́торн||ый, -ая, -ое *физ.* модуляторӣ, ...и модулятор, модуляциякунанда; ~**ые лáмпы** лампаҳои модуляторӣ

модуляциóнный, -ая, -ое *муз.* модуляционӣ, ...и модуляция

модуля́ция *ж* модуляция *(1. тағйироти тадриҷӣ, қонунан дигаршавӣ 2. мувофиқи қонуне дар заминаи вақт тағйир ёфтани ин ё он процесси мунтазами физикӣ 3. муз. дигар шудани лаҳни мусиқӣ)*

мóдус *м* 1. тариқа, роҳуравиш 2. *филос.* модус *(сифати ғайриасосии модда дар фалсафаи асри миёнагӣ)* 3. *лог.* мулоҳиза ◇ ~ **вивéнди** *книжн.* модуси вивенди *(шартҳое, ки муваққатан муносибати сулҳҷӯёнаи байни ду тарафи муқобилро имконпазир месозанд)*

моёвка *ж (птица)* моҳихор

мóечный, -ая, -ое ...и шустушу, шустушугар, шустушукунанда; ~ **аппарáт** аппарати шустушу

можжевéлов||ый, -ая, -ое ...и арча, ...и ардаҷ, ...и буттаи ардаҷ; ~**ые я́годы** меваҳои буттаи ардаҷ; ~**ая вóдка** араққи арча

можжевéльник *м бот.* арча, ардаҷ

мóжно *в знач. сказ. безл.* 1. *с неопр.* мумкин, мумкин аст; ~ **надéяться** умед бастан мумкин аст; ~ **начинáть сéять** киштукорро сар кардан мумкин аст 2. мумкин, рухсат дода мешавад; ~ **войтú?** даромадан мумкин? ◇ **как** ~ *в сочет. со сравн. ст. нареч.* ҳар чи, то мумкин аст, ба қадри имкон; **как** ~ **лýчше** ҳар чи беҳтар; **приходú, как** ~ **скорéе** ҳар чи зудтар биё; **как [э́то]** ~, **рáзве** ~ магар мумкин аст, наход мумкин бошад; ~ **сказáть** *вводн. сл.* гуфта мешавад, гуфтан мумкин аст

мозáик||а *ж* 1. кошинкорӣ; **стóлик с** ~**ой** мизи кошинкорӣ 2. *собир.* кошин *(шишапора ё резаҳои мармар ва м. ин, ки барои нақш ба кор бурда мешаванд)* 3. кошинкорӣ, санъати кошинкорӣ; **занимáться** ~**ой** кошинкорӣ кардан 4. *перен.* маҷмӯъ, мураккаб; ~**а из нарóдных пéсен** гулчини ашӯлаҳои халқи

мозаúст *м* устои кошинкор

мозаúчность *ж* мураккаб будан(и), гуногунӣ; ~ **мы́слей** гуногунии фикр

мозаúчн||ый, -ая, -ое 1. ...и кошинкорӣ; ~**ые орнáменты** нақшҳои кошинкорӣ; ~**ые стёкла** оинаҳои кошинкорӣ 2. *перен.* мураккаб, гуногунранг, ҳархела

мозг *м* 1. *анат.* мағз; **головнóй** ~ мағзи сар; **спиннóй** ~ ҳароммағз; **сотрясéние** ~**а** зарб хурдани майна 2. майна; **егó** ~ **лихорáдочно заработáл** майнааш бо шиддат кор кард 3. *мн.* **мозгú** *перен. прост.* ақл, зеҳн; ~**óв не хватúло** ақлаш нарасид 4. *перен. (руководящий центр)* марказн роҳбарикунанда 5. *мн.* **мозгú** *(кушанье)* мия; **теля́чьи** ~**й** мияи гусола 6. *анат. (костный)* мағз ◇ **до** ~**а костéй** мағз андар мағз, то мағзи устухон; ~**й набекрéнь** *у кого прост.* мияаш бечо; ~**и не вáрят** *у кого прост.* ақлаш кор намекунад; **вправить** ~**й комý-л.** *прост.* мияи касеро афшонда мондан; **кáпать на** ~**й** *кому прост.* касеро аз ҷонаш безор кардан; **шевелúть (раскúдывать)** ~**áми** *прост.* ақл давондан, майна (ақл) кор фармудаи

мóзгло *в знач. сказ. безл. прост.* нам (заҳ) аст, рутубатнок аст; **на ýлице** ~ **и вéтрено** дар берун ҳаво нам ва шамол аст

мóзглый, -ая, -ое *прост.* заҳ, нам, марҳуб, рутубатнок; ~ **тумáн** тумани нам

мозглявый, -ая, -ое (мозгля́в, -а, -о) *прост. (тщедушный)* чурукак, нимҷон

мозгля́к *м прост.* чурукак

мозговáть *несов. прост.* фикр (хаёл) кардан, андешидан

мозговúтый, -ая, -ое *разг.* боақл, хушфаҳм, хушзеҳн, ҳушьёр; ~ **мальчýган** бачаи боақл

мозгов||ой, -ая, -óе 1. ...и мағз, ...и майиа; **~ые извилины** раҳҳои мағз; **~óе ранéние** захми мағз 2. иликдор; **~áя кость** устухони иликдор 3. *перен.* ақлӣ, зеҳнӣ; **~áя рабóта** кори ақлӣ 4. буҷмалак; **~ая капýста** карами буҷмалак

мозжечóк *м анат.* майнача

мозжи́||ть *несов. что и без доп. разг.* дард кардан, сим-сим дард кардан; **ногá ~т** пой дард мекунад

мозóлистость *ж* обиладорӣ, қубладорӣ, пинадорӣ

мозóлист||ый, -ая, -ое обиладор, қубладор, пинадор; **~ые рýки** 1) дастони обиладор, дастони пуробила 2) *перен.* дастони заҳматкашида

мозóлить *несов. что разг.* обила кунондан, қубла занондан, обиладор (қубладор) кардан *(пойро, дастро)* ◇ **~ глазá** *комý прост.* хори чашм шудан; безор кардан

мозóль *ж* обила, қубла, пина; **натерéть себé ~** обила кунондан, ягон ҷои худро обиладор кардан ◇ **наступи́ть на [люби́мую] ~** *комý* ба сухта намакоб рехтан

мозóльн||ый, -ая, -ое 1. ...и обила, ...и қубла; **~ый плáстырь** *фарм.* марҳами обила 2. *(мозолистый)* обиладор, қубладор ◇ **~ый оперáтор** обилабур, қублабур *(мутахассисе, ки обиларо бурида, онро дафъ мекунад)*

мой (моя́, моё, мои́) *мест. притяж. м* 1. аз они ман, моли ман, ...и ман; **э́то моя́ кни́га** ин китоби ман аст; **они́ бесéдовали с мои́м отцóм** онҳо бо падарам суҳбат карданд; **где мои́ тетрáди?** дафтарҳои ман куҷост? 2. *в знач. сущ.* **моё** *с разг.* аз они ман, аз ман; **э́то — моё** ин аз они ман аст // *в сочет. со сравн. ст. нареч.* аз ман, аз ман дида; **он знáет бóльше моегó** вай аз ман зиёдтар медонад 3. *в знач. сущ.* **мои́** *мн. разг. (родные, близкие)* аҳли хонадонам, хешҳоям, хешу таборам; **все мои́ здорóвы** тамоми аҳли хонадонам сиҳатанд 4. *в знач. сущ. прост.* **мой** *м (муж)* шавҳарам, шуям; **моя́** *ж (жена)* занам, ҳамсарам ◇ **моё почтéние** салом; **э́то не по моéй чáсти** ин ба ман дахл надорад, ин кори ман не

мóйка *ж* 1. *(по знач. гл.* **мыть** 1) шустушу; **~ посýды** шустушуи зарф 2. дастгоҳи шустушу; **~ для шéрсти** дастгоҳи пашмшӯӣ 3. *спец.* ҷои шустани мошинҳо

мóйн||ый, -ая, -ое ...и шустушу; **~ая маши́на** дастгоҳи шустушу

мóйщик *м* шустушугар, коргари шустушукунанда; **~ стёкол** шустушукунандаи шишаҳо

мóйщица *женск. к* **мóйщик**

мокаси́ны *мн.* муккӣ

мóкко *с нескл.* 1. мокко *(қаҳваи навъи аъло)* 2. *в знач. неизм. прил.* ...и мокко; **кóфе ~** қаҳваи мокко

мóк||нуть *несов.* 1. тар (нам) шудан; **мы дóлго ~ли под дождём** мо хеле вақт дар зери борон мондем 2. *(портиться от избытка влаги)* аз нами хароб (вайрон) шудан; **сéно ~нет** хасбеда нам кашида истодааст 3. тар шудан; тар шуда мулоим гардидан; **положи́ть лён ~нуть** зағирпояро барои тар шудан гузоштан 4. *(о ране и т. п.)* чирк (рим) баровардан

мокрéц *м вет.* шукуфаи асп *(бемори)*

мокрецы́ *мн. зоол.* хомушак

мокри́ца *ж* 1. *зоол.* кирми харак 2. *бот.* таррак

мóкро 1. *нареч.* тар, нам 2. *в знач. сказ. безл.* тар (заҳ) аст, мартуб аст; **в пáрке сегóдня ~** имрӯз боғ заҳ аст

мокропогóдица *ж разг.* ҳавои боронӣ, ҳавои нам (рутубатнок)

мокрóт||а *ж* балғам; **кáшель с ~ой** сулфаи балғамдор

мокротá *ж разг.* тарӣ, намнокӣ, мартубӣ, рутубатнокӣ, рутубат

мокрóтный, -ая, -ое ...и балғам, балғамӣ

мóкр||ый, -ая, -ое (мокр, -á, -о) 1. тар, нам, мартуб; **~ый песóк** реги тар; **~ые от слёз ресни́цы** мижгони ашколуд 2. *разг.* серборон, сербориш; **~ая веснá** баҳори сербориш ◇ **~ая кýрица** 1) *(о человеке, имеющем жалкий вид)* мурғи паруболрехта, гурбаи ба об афтода 2) *(о безвольном человеке)* одами ношуд, ноуҳдабаро, лаллук; **~ое мéсто остáнется**, **~ого мéста не остáнется** *от кого прост.* бо хок яксон мешавад; **глазá на ~óм мéсте** гирьёнчак

мокря́дь *ж прост.* 1. *(дождливая погода)* ҳавои боронӣ 2. *(мокротá)* тарӣ, намнокӣ, мартубӣ, рутубат

мóкша *ж* мокша *(яке аз ду гурӯҳи этникии халқи мордва)*

мокшáне *мн.* мокшанҳо; *см.* **мóкша**

мокшáнин *м* мокшанин; *см.* **мóкша**

мокшáнка *ж* мокшазан, мокшадухтар, зани (духтари) мокша; *см.* **мóкша**

мокшáнск||ий, -ая, -ое мокшанӣ, ...и мокша, ...и мокшанҳо; **~ое селó** деҳаи мокшанҳо

мол I *м (портовое сооружение)* мавҷгардон, мавҷшикан, дарғот, туғон *(дар бандарҳои баҳрӣ)*

мол II *частица разг.* гӯё, гуфта, будааст; **мне сказáли, что он, ~, уéхал** ба ман гуфтанд, ки вай гӯё рафтааст

молвá *ж* овоза, гапу гапча, хабар; **дурнáя ~** овозаи бад; **хóдит ~, что ...** овозае паҳн шудааст, ки...

мóлвить *сов., несов. что и без доп. уст.* сухан гуфтан, гап задан; **~ прáвду** сухани рост гуфтан

мóлвит||ься *несов. уст.* гуфта шудан; **послóвица не дáром (не ми́мо) ~ся** *посл.* ≈ зарбулмасал — дар гап асал

молвь *ж уст. и фольк. (говор, речь)* гап, овоза; **людскáя ~** овозаи мардум

молдавáне *мн.* молдаванҳо, халқи Молдавия

молдавáнин *м* молдаваи

молдавáнка *ж* молдаванзан, молдавандухтар, зани (духтари) молдаван

молдавáнск||ий, -ая, -ое молдаванӣ, ...и молдаванҳо; **~ие тáнцы** рақсҳои молдаванӣ

молдáвский, -ая, -ое молдаванӣ, ...и Молдавия; **~ язы́к** забони молдаванӣ

молдовеня́ска *ж* молдовеняска *(рақси халқии Молдавия бо мусиқиаш)*

молéбен *м церк.* ибодат, дуои ҷамоат

молéбствие *с уст. см.* молéбен

молéбствовать *несов. уст. церк.* ибодат кардан, дуо хондан

молевóй, -áя, -óе *лес.* пароканда, ҷудо-ҷудо, ба ҳам баста нашуда; **~ сплав лéса** ҷудо-ҷудо бо об равонa кардани чӯб

молéкул||а *ж* молекула; **~ы белкóв** молекулаҳои сафедаҳо

молекуля́рн||ый, -ая, -ое молекулӣ, ...и молекула; **~ый вес** вазни молекулавӣ; **~ая теóрия** назарияи молекула

молéльня *ж* ибодатхона, ибодатгоҳ

молéльщик *м уст.* обид, ибодаткунанда, дуохон

молéльщица *женск. к* **молéльщик**

молéние *с* 1. *(по знач. гл.* **моли́ться** 1) ибодат, дуохонӣ, намозхонӣ 2. *поэт. (просьба, мольба)* илтиҷо, тавалло, илтимос

молéнная *ж* ибодатхона, ибодатгоҳ

молески́н *м текст.* молескин *(навъи газвори ғафс барои либос)*

молески́новый, -ая, -ое *текст.* молескинӣ, ...и молескин

молибдéн *м хим.* молибден *(элементи химиявӣ, металл)*

молибдени́т *м мин.* молибденит *(маъдани молибден)*

молибдéнов||ый, -ая, -ое молибденӣ, ...и молибден; **~ые рýды** маъданҳои молибденӣ; **~ая стáль** пӯлоди молибденӣ ◇ **~ый блеск** *см.* **молибдени́т**

моли́тв||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **моли́ться** 1) ибодат, дуохонӣ, намозхонӣ 2. дуо, намоз, салот, салавот; **погребáльная ~а** салоти ҷаноза; **читáть ~ы** дуо хондан

моли́твенник *м* 1. *(сборник молитв)* китоби дуо 2. *уст. (усердный молельщик)* дуогӯ

моли́твенный, -ая, -ое ...и ибодат, ...и дуохонӣ, ...и намозхонӣ; **~ дом** ибодатхона

моли́ть *несов. кого-что и без доп.* зорӣ (илтиҷо, тавалло, илтимос) кардан; **~ о пощáде** амон талабида илтиҷо кардан ◇ **бóга ~** *за кого уст.* шукр кардан; **застáвить [вéчно] бóга ~** *уст.* миннатдор кардан

моли́ться *несов.* 1. ибодат кардан, дуо (намоз) хондан; **застáвь дуракá бóгу ~, он и лоб разобьёт (расшибёт)** *посл.* ≈ салла гуй, калла меорад 2. *кому-чему, на кого-что перен.* парастидан, парастиш кардан, ситоиш кардан

мóлк||нуть *несов. поэт.* хомуш (сокит, ором) шудан; **пти́цы не ~ли до пóзднего вéчера** паррандагон то бевақтӣ хомуш намешуданд

моллю́ски *мн. (ед.* **моллю́ск** *м)* моллюскҳо *(ҷондорони майдаи нармбадани беаррапушт, ки аксаран ба даруни гушмоҳӣ мешаванд)*; **морски́е ~** моллюскҳои баҳрӣ

моллюсков||ый, -ая, -ое ...и моллюск, моллюски; **~ые раковины** гушмоҳиҳои моллюскӣ

молниев||ый, -ая, -ое ...и барқ, барқӣ; **~ая вспышка** шуълаваршавии барқ

молниено́сно *нареч.* барқвор, барқосо, дафъатан

мо́ченьк||а *ж прост. фольк.* қувват, мадор; ~**и нет** (**не ста́ло**) мадор нест, қувват намонд; тоқат нест (намонд)

мочеотделе́ние *с физиол.* пешобҷудокунӣ

мочеотдели́тельный, -ая, -ое *физиол.* ...и пешобҷудокунӣ, пешобҷудокунанда

мочепол||о́й, -а́я, -о́е *анат.* ...и олати таносул ва роҳи шоша; ~**ы́е боле́зни** дардҳои олати таносул ва роҳи шоша

мочето́чник *м анат.* роҳи шоша (*аз гурда то масона*)

мочи́льный, -ая, -ое ...и таркунӣ; ~ **чан** чалаки очоронӣ

мочи́ть *несов.* 1. *кого-что* тар (нам) кардан; ~ **во́лосы** муи сарро тар кардан 2. *что* тар карда мондан; очорондан; ~ **лён** зағирпояро тар карда мондан; ~ **арбу́зы** тарбузҳоро очорондан

мочи́ться *несов.* 1. *прост.* худро тар кардан 2. пешоб кардан, мезидан 3. *страд.* тар (нам) карда шудан; очоронда шудан

мо́чк||а I *ж* 1. (*часть уха*) нармаи гӯш 2. *бот.* решача; **повреди́ть корневы́е** ~**и** решачаҳоро нобуд кардан 3. (*пучок льна для прядения*) як қабза (даста) лифи зағирпоя

мочка II *ж см.* **мочéние**

мочь I *несов.* 1. *чаще с неопр.* тавоиистан, қодир будан; **он не мог встать с мéста** вай аз ҷояш хеста наметавонист; **что ты мóжешь дéлать?** ту чӣ кор карда метавонӣ? 2. мумкин будан, имконият доштан; **ты бы мог не застáть меня дóма** мумкин буд, ту маро дар хона наёбӣ 3. *в знач. вводн. сл.* **мóжет** *разг. то же, что* **мóжет быть; мóжет, э́то и прáвда** шояд ин дуруст бошад ◇ **мóжет быть, быть мóжет** *в знач. вводн. сл.* 1) мумкин аст, эҳтимол, эҳтимол дорад; **он, мóжет быть, придёт** мумкин аст, вай биёяд 2) *в вопр. и побуд. предложениях* шояд; **мóжет быть, вам здесь неудóбно?** шояд ин ҷо бароятон боб набошад?; **не мóжет быть!** наход!; **не могу́ знать** *уст.* намедонам; **ви́деть не могу́** тоби дидан надорам; **как живёте-мóжете?** аҳволатон чӣ хел?, аҳволи шариф?, табъи латиф?

моч||ь II *ж разг.* кувва, қувват, тавон, мадор; **орáть во всю ~ь** бо тамоми қувват фарьёд кардан; **бежáть, что есть ~и** бо тамоми қувват тохтан ◇ **~и нет (не стáло)** мадор нест; тоқат нест, дигар тоқат намонд

мóчься (можется) *несов. безл. прост.* 1. *тк. в вопросит. предл. или в сочет. со словами «худо, плохо»*: **как вам мóжется?** аҳволатон чӣ тавр аст? 2. *(возможно):* **живи́, как мóжется** алоқадри ҳолат зиндагӣ кун

мошéнник *м* фиребгар, қаллоб, маккор

мошéнница *женск. к* **мошéнник**

мошéнничать *несов.* фиребгарӣ (қаллобӣ, маккорӣ) кардан

мошéнническ||ий, -ая, -ое фиребгар(она), қаллоб(она); **~ие замáшки** кирдорҳои фиребгарона

мошéнничество *с* фиребгарӣ, қаллобӣ

мóшка *ж* 1. пашша, хомушак 2. *собир.* пашшаҳо, хомушакҳо; **в лесу́ ~ не давáла покóя** дар беша хомушакҳо оромӣ намедоданд

мошкарá *ж собир.* пашшаҳо, хомушакҳо

мошн||á *ж* 1. *уст.* ҳамьён, киса, халтача, қапчуқ 2. *перен. разг.* боигарӣ, давлатмандӣ; **его́ ~á поистощи́лась** боигарии вай камтар шудааст ◇ **тугáя (тóлстая) ~á** кисаи пур аз пул, ҳамьёни таранг, сарвати калон; **наби́ть ~у́** кисаро пур кардан; бой шудан; **тряхну́ть ~óй** ҳамьёнро калон кушодан, ҳотам шудан, пули зиёд сарф кардан

мошонка *ж анат.* хоядон

мошóночн||ый, -ая, -ое *анат.*: **~ая грыжа** даббаи хоядон

мощéние *с (по знач. гл.* **мости́ть** 1,2) фаршкунӣ, сангфаршгарӣ; тахтафаршкунӣ; **~ брусчáткой** бо санги чортарош фаршкунӣ; **~ площади** фаршкунии майдон

мощённый *прич.* (мощ|ён, -енá, -енó) фарш (сангфарш) кардашуда; тахтафарш кардашуда

мощён||ый, -ая, -ое сангфарш; **~ые у́лицы** кучаҳои сангфарш

мóщи *мн.* 1. турбат *(мурдаи қоқшудаи одами, ки аҳли калисо онро муқаддас гуфта ба мақсадҳои фиребгаронаи динӣ истифода мекунанд)* 2. *разг.* одами бисьёр лоғар (хароб) ◇ **живы́е ~** *то же, что* **мóщи** 2

мóщност||ь *ж* 1. кудрат, тавоноӣ, қувват, иқтидор, зурӣ; **~ь гóлоса** зурии овоз 2. ғафсӣ, зичӣ; **~ь у́гольного пластá** ғафсии қабати ангиштсанг 3. *физ., тех.* иқтидор; **дви́гатель ~ью в сто лошади́ных сил** муҳаррики иқтидораш сад қувваи асп 4. *мн.* **мóщности** корхонаҳо; мошинҳо; **введéние нóвых произвóдственных ~ей** ба кор андохтани корхонаҳои нав

мóщн||ый, -ая, -ое (мóщ|ен, -нá, -но) 1. тавоно, зур, пурзу́р, боқувват; **~ый органи́зм** организми боқувват; **~ые плéчи** бозуҳои пурзур 2. бузург, калон, азим; зу́р, сахт; **~ый удáр** зарбаи сахт; **~ый потóк** сели азим 3. боиқтидор, муқтадир, тавоно, пурзу́р; боқудрат; **~ая совéтская артиллéрия** артиллерияи тавонои советӣ 4. *(о деревьях)* калон, азим; **~ый дуб** дарахти азими булут 5. пурзу́р, пуриқтидор, калон, бузург; **~ая хими́ческая промы́шленность** саноати пуриқтидори химия 6. ғафс, зич; **~ая тóлща грани́та** қабати ғафси хоросанг 7. *физ., тех.* боиқтидор; **~ый дви́гатель** муҳаррики боиқтидор

мощь *ж* 1. тавоноӣ, пурзурӣ, иқтидор, қувват; **индустриáльная ~ страны́** иқтидори саноати мамлакат 2. қувват, зур, кудрат

мóющ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* шуяңда, шустушукунанда; шустагар, шустушугар; **~ие срéдства** моддаҳои шуянда

мразь *ж разг. презр.* одами разил (залил, паст, ночиз)

мрак *м* 1. торикӣ, тирагӣ, хирагӣ, зулмат; **ночнóй ~** торикии шаб 2. *перен.* навмедӣ, маъюсӣ ◇ **покры́то ~ом неизвéстности** зери ғубори ноаёнӣ мондааст

мракобéс *м* ҷаҳолатпараст, маърифатбезор

мракобéсие *с* ҷаҳолатпарастӣ, маърифатбезорӣ

мракобéсный, -ая, -ое ҷаҳолатпараст, ...и ҷаҳолатпарастӣ, маърифатбезор, ...и маърифатбезорӣ

мрáмор *м* 1. *мин.* мармар, санги мармар; **бéлый ~** мармари сафед; **чёрный ~** мармари сиёҳ 2. *(предметы)* мармарин

мраморúрованный, -ая, -ое 1. *прич.* мармаронидашуда 2. *прил.* мармармонанд, мармаршакл

мраморúровать *сов., несов. что* мармармонанд кардан, ба шакли мармар сохтан; **~ подокóнники** токчаҳои тирезаро мармармонанд кардан

мраморúроваться *несов. страд.* мармармонанд карда шудан

мрáморн||ый, -ая, -ое 1. мармарӣ, мармарин; **~ая стáтуя** муҷассамаи мармарин 2. мармармонанд, мармаршакл 3. *перен.* сап-сафед, симин, нуқрафом, булурин; **~ая шéя** гардани симин

мрáморщик *м* мармартарош

мрачнé||ть *несов.* 1. торик (тира, хира) шудан; **осéннее нéбо ~ло** осмони тирамоҳӣ хира мешуд 2. хафа (ғамгин, малул) шудан; **его́ лицó всё бóльше ~ло** чеҳрааш торафт ғамгинтар мешуд

мрáчно 1. *нареч.* ғамгинона, малулона; **он ~ посмотрéл на меня́** у ба ман ғамгинона назар кард 2. *в знач. сказ. безл.* торик (тира, хира) аст; **в кóмнате бы́ло ~** хона торик буд

мрáчность *ж* 1. торикӣ, тирагӣ, хирагӣ 2. *перен.* хафагӣ, ғамгинӣ, малулӣ

мрáчн||ый, -ая, -ое (мрáч|ен, -нá, -но) 1. торик, тира, хира; **~ый осéнний вéчер** шаби торики тирамоҳ; **~ый лес** ҷангали тира 2. *перен.* сахт, пурвоҳима, пурдаҳшат; **~ые временá** айёми сахт 3. *перен.* хафакунанда, ғамгин, маъюс, пурғусса, малул; **~ый взгляд** нигоҳи ғамгин; **~ое настроéние** табъи хира, димоғи сухта

мсти́тел||ь *м* интиқомҷуй, интиқомгир, ниқоргир, касосгир; хунхоҳ; **нарóдные ~и** интиқомҷуёни халқ

мсти́тельность *ж* интиқомҷӯӣ, ниқорталабӣ, қасосгирӣ; хунхоҳӣ

мсти́тельный, -ая, -ое (мсти́те|лен, -льна, -льно) интиқомҷу́й, ниқорталаб; **~ человéк** одами ниқорталаб

мстить *несов.* интиқом (ниқор, қасос) гирифтан; хун хостан; **~ врагáм** аз душманон интиқом гирифтан

муáр *м текст.* парниё

муáров||ый, -ая, -ое 1. ...и парниё; **~ая лéнта** тасмаи парниё 2. парниёосо; **~ые обóи** зардевориҳои парниёосо

мудренó *разг.* 1. *нареч.* мушкил, душвор, мураккаб 2. *в знач. сказ. с неопр. безл.* бисьёр мушкил (душвор) аст; **э́ти часы́ ~ почини́ть** ин соатро дуруст кардан бисьёр мушкил аст; **на негó ~ угоди́ть** ба вай маъкул кунондан мушкил аст ◇ **~ ли** аҷаб нест; **не ~...; не ~, что...** аҷаб нест, ки...; табиист, ки...

мудрён||ый, -ая, -ое (мудр|ён, -енá, -енó) *разг.* 1. мушкил, душвор, мураккаб; **~ая задáча** масъалаи душвор 2. печ дар печ, муаммодор, сарбаста; **~ый узóр** нақшу нигори печ дар печ 3. ғалатӣ, аҷибу ғариб, душворфаҳм; **~ые обы́чаи** одатҳои аҷибу ғариб ◇ **что ~ого, ~ого нет** мумкин аст, аҷаб не; **у́тро вéчера мудренée** *посл.* кори шаб хандаи руз; шаб обистан аст, то чӣ зояд субҳ

мудрéц *м* 1. *уст.* ҳаким, доншманд, мутафаккир 2. оқил, хирадманд, доно; **на вся́кого ~á довóльно простоты́** *посл.* ≈ Афлотун аз гусола фанд ху́рдааст 3. *ирон.* оқилтарош, донотарош

мудр||и́ть *несов. разг.* 1. корро бисьёр (аз ҳад зиёд) мураккаб кардан; **вы сли́шком ~и́те** шумо корро бисьёр мураккаб мекунед 2. ҳила кор фармудан, ҳилагарӣ кардан; **говори́ пря́мо,**

не ~й! рўйрост бигў, ҳилагарӣ накун! 3. *над кем* масхара (писханд, тамасхур) кардан

мӯдро *нареч.* оқилона, донишмандона; ~ **ответить** оқилона ҷавоб додан

мудровать *несов. прост. см.* **мудрить** 3

мӯдрост||ь *ж* 1. хирадмандӣ, донишмандӣ; оқилона будан(и); ~**ь решения** оқилона будани қарор 2. ҳикмат, дониш; **житейская** ~**ь** ҳикмати зиндагӣ 3. *разг.* мушкилӣ, мураккабӣ; **не велика** ~**ь** кори саҳл ◇ **зуб** ~**и** дандони ақл

мӯдрствование *с* (*по знач. гл.* **мӯдрствовать**) оқилтарошӣ, фалсафафурӯшӣ, оқилтарошӣ кардан(и)

мӯдрств||овать *несов. разг.* оқилтарошӣ (фалсафафурӯшӣ, изҳори фазл) кардан ◇ **не** ~**уя лукаво** ба таври оддӣ

мӯдрый, -ая, -ое (мудр, -а, -о) доно, оқил(она), донишманд(она), хирадманд(она); ~ **старик** пири доно; ~ **совет** насиҳати оқилона

муж *м* 1. (*мн.* **мужья**) шавҳар, шуй; **потерять** ~**а** бе шавҳар мондан, бева мондан 2. (*мн.* **мужи**) *уст. и высок.* мард, марди баркамол 3. (*мн.* **мужи**) арбоб; **государственные** ~**и** арбобони давлат; **учёный** ~ олим

мужа||ть *несов.* 1. болиғ шудан, ба балоғат расидан, камол ёфтан 2. *перен.* пухта (таҷрибанок) шудан, зуртар шудан; **отряд** ~**л в боях** отряд дар ҷангҳо пухта мешуд

мужаться *несов.* далер будан, мардонагӣ кардан, бошуҷоат (ҷасур) шудан, ҷуръат кардан

мужеложство *с см.* **педерастия**

муженёк *м разг. ласк. к* **муж** 1 шавҳарҷон, шуйҷон, шавҳарак

мужененавистница *ж* мардбезор, мардгурез, мардбадбин

мужененавистничество *с* мардбезорӣ, мардгурезӣ, мардбадбинӣ

мужеподобн||ый, -ая, -ое (мужеподоб|ен, -на, -но) мардмонанд, мард барин; ~**ая девица** духтари мардмонанд; ~**ый вид** намуди мардмонанд

мӯжественно *нареч.* мардона, ҷасурона, далерона, бо диловарӣ

мӯжественность *ж* мардӣ, мардонагӣ, ҷасорат, далерӣ, диловарӣ, ҷасурона (далерона) будан(и); ~ **поведения** мардонагии рафтор; ~ **ответа** далерона будани ҷавоб

мӯжественный, -ая, -ое (мӯжествен, -на, -но) мард(она), ҷасур(она), далер(она), диловар(она); ~ **человек** одами ҷасур; ~ **жест** ишораи мардона

мӯжество *с* мардӣ, мардонагӣ, ҷасорат, далерӣ, диловарӣ; **проявить** ~ **в бою** дар ҷанг ҷасорат нишон додан; **он нашёл в себе** ~ **сказать правду** вай мардонагӣ карда гапи ҳақро гуфт

мужеубийство *с* шавҳаркушӣ

мужеубийца *ж* шавҳаркуш, занаки шавҳаркуш

мужик *м* 1. *уст.* мужик, деҳқон, деҳотӣ 2. *уст. пренебр.* марди ҷоҳил (нодон, дағал) 3. *разг.* мард (*бештар марди зандор*); **дельный** ~ марди пухта (кордон); **в семье было пятеро** ~**ов** дар оила панҷ нафар мард буд 4. *прост. и обл.* шавҳар, шуй

мужиковатость *ж разг.* дағалӣ, соддалавҳӣ; ~ **манер** дағалии рафтору кирдор

мужиковат||ый, -ая, -ое (мужиковат, -а, -о) *разг.* дағалнамо, содданамо, соддалавҳ; ~**ая наружность** андоми дағалнамо (содданамо)

мужицк||ий, -ая, -ое *уст.* ...и мужик, ...и деҳқон; ~**ая изба** хонаи чубини деҳқон

мужич||ий, -ья, -ье *прост.* 1. ...и мужик, ...и деҳқон 2. *уст. пренебр.* ҷоҳил(она), дағал(она)

мужичка *уст. женск. к* **мужик** 1, 2

мужичок *м уменьш.-ласк. к* **мужик** 1, 3

мужичонка *м пренебр.* мужики (деҳқони) назарногир

мужичьё *с собир. уст. пренебр.* мужикҳо, деҳқонҳо

мужлан *м бран.* одами ҷоҳил (нодон, дағал)

мӯжн||ий, -яя, -ее *прост.* ...и шавҳар, ...и шуй; ~**ие вещи** чизҳои шавҳар ◇ ~**яя жена** *прост. и обл.* занаки шавҳардор

мӯжнин -а, -о *разг.* ...и шавҳар, ...и шуй

мужск||ой, -ая, -ое, 1. ...и мард, мардона; ~**ое население** аҳолии мард; ~**ое общество** ҷамоати мардон; ~**ой хор** дастаи ҳофизони мард; ~**ие манеры** рафтору кирдори мардона, рафтори ба мард хос 2. *биол.* нарина; ~**ие половые клетки** ҳуҷайраҳои нарина; ~**ие цветки** гулҳои нарина ◇ ~**ой пол** 1) *анат., физиол.* ҷинси мардона 2) *собир. прост.* мардон; ~**ая рифма** *лит.* қофияи мардона (*қофияе, ки дар он зада ба ҳиҷои охирин меафтад*); ~**ой род** *грам.* ҷинси мардона

мужчин||а *м* мард; **высокий** ~**а** марди қадбаланд; **будьте** ~**ой!** мард бошед!

мӯза *ж* 1. *миф.* олиҳа (*ҳар яке аз нуҳ нафар духтарони Зевс ва Мнемосина, ки олиҳаи ин ё он ҷабҳаи адабиёт, санъат ва илм ба шумор мерафт: Евтерпа — олиҳаи назми лирики; Клио — олиҳаи таърих; Талия — олиҳаи мазҳака; Мельпомена — олиҳаи фоҷиа; Терпсихора — олиҳаи рақс; Эрато — олиҳаи назми ишқӣ; Полигимния — олиҳаи гимнҳо; Урания — олиҳаи ситорашиносӣ; Каллиопа — олиҳаи достон*) 2. *перен. уст. поэт.* манбаи илҳом 3. *книжн.* хусусияти эҷодии шоир

музееведд *м* музейшинос, мутахассиси корҳои музей

музееведение *с* музейшиносӣ

музей *м* музей; аҷоибхона; ~ **революции** музеи революция; ~ **изобразительных искусств** музеи санъати тасвирӣ; **краеведческий** ~ музеи кишваршиносӣ; **минералогический** ~ музеи минералогӣ

музейн||ый, -ая, -ое ...и музей, музейбоб; ...и аҷоибхона; ~**ые экспонаты** экспонатҳои музей ◇ ~**ая редкость** чизи аҷиб (бисьёр нодир)

музицирование *с* (*по знач. гл.* **музицировать**) сознавозӣ, мусиқинавозӣ, мусиқӣ навохта вақт гузарондан(и)

музицировать *несов. уст.* соз навохтан, мусиқинавозӣ кардан, мусиқӣ навохта вақт гузарондан

мӯзык||а *ж* 1. мусиқӣ; **симфоническая** ~**а** мусиқии симфонӣ; **инструментальная** ~**а** мусиқии созӣ; **теория** ~**и** назарияи мусиқӣ; ~**а к опере** мусиқии опера; **заниматься** ~**ой** мусиқӣ омухтан, бо мусиқӣ машғул шудан; **класть на** ~**у** барои шеър мусиқӣ навиштан 2. *перен.* мавзунӣ, хушоҳангӣ; ~**а стихов** мавзунии шеър 3. *прост.* оркестр; **в парке играет** ~**а** дар чорбоғ оркестр менавозад 4. *прост.* соз, сози мусиқӣ, асбоби мусиқӣ 5. *прост.* кор, кори серташвиш (пурташвиш); **эта** ~**а затянется на всю зиму** ин кор тамоми зимистон кашол мееёбад ◇ **блатная** ~**а** лаҳҷаи дуздон; **не та** ~**а, другая** ~**а** ин тамоман кори дигар аст

музыкальность *ж* 1. қобилияти (истеъдоди) мусиқидонӣ; **его** ~ **проявилась ещё в детстве** қобилияти мусиқидонии вай ҳануз дар бачагиаш зоҳир шуда буд 2. хушоҳангӣ, оҳангдорӣ; ~ **напева** хушоҳангии ҳаво

музыкальн||ый, -ая, -ое (музыка|лен, -льна, -льно) 1. мусиқӣ; ~**ые инструменты** созҳои (асбобҳои) мусиқӣ; ~**ое произведение** асари мусиқӣ; ~**ая комедия** комедияи мусиқӣ; оперетта; ~**ая школа** мактаби мусиқӣ 2. мусиқитабъ; ~**ый ребёнок** бачаи мусиқитабъ 3. (*мелодичный*) оҳангдор, хушоҳанг; ~**ая речь** нутқи хушоҳанг ◇ ~**ый слух** лаёқати мусиқифаҳмӣ

музыкант *м* 1. мусиқачӣ, мусиқишинос 2. навозанда, созанда, мутриб, мусиқинавоз

музыкантск||ий, -ая, -ое ...и мусиқачӣ; ...и мусиқинавоз; ~**ая команда** *уст.* командаи мусиқинавозон, мусиқачиёни ҳарбӣ

музыкантша *разг. женск. к* **музыкант**

музыковед *м* мусиқишинос, мутахассиси мусиқӣ

музыковедение *с* мусиқишиносӣ

мӯк||а *ж* 1. азоб, шиканҷа, уқубат, азият; ~**и голода** азоби гушнагӣ; ~**и творчества** азияти эҷодиёт 2. *в знач. сказ.* азоб (азият) аст; **опять ждать — вот** ~**а!** боз мунтазир шудан лозим — ана азоб! ◇ ~**а мученическая** азобу уқубат, алами зур; **танталовы** ~**и** азоби гур; **хождение по** ~**ам** сарсонӣ, саргардонӣ

мука *ж* 1. орд; **пшеничная** ~ орди гандум; **кукурузная** ~ орди заҒора; **картофельная** ~ оҳор, нишаста, крахмал; ~ **тонкого помола** орди маҳин 2. хока; **костная** ~ хокаи устухон; [**всё**] **перемелется** — ~ **будет** *погов.* ≈ бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд бигзарад

мукомол *м* осиёбон

мукомольн||ый, -ая, -ое ...и ордкашӣ; ~**ый комбинат** комбинати орд-

кашӣ; ~ое **оборудование** асбобу анҷоми ордкашӣ

мукомольня *ж* осиё, осиёб

муксун *м (рыба)* озодамоҳӣ

мул *м* хачир; **погонщик ~ов** хачирбон

мулат *м* акдиш, икдиш *(касе, ки аз зану шуи ирқҳои сафед ва сиёҳ зоида шудааст)*

мулатка *ж* акдишзан, икдишдухтар

мулине *с нескл. (нитки)* мулина

мулица *ж (самка мула)* хачири мода, модахачир

мулла *м* мулло, домулло

мульда *ж* 1. *тех.* белбӯта 2. *тех.* бутақолиб 3. *геол.* табақакоса

мультипликатор *м* фузунсоз, мультипликатор *(1. ҷиҳозест барои тезтар гардондани наварди мошин 2. дастгоҳест барои баланд кардани фишори моеъ андаруни насос ва дигар ҷиҳозоти гидравликӣ 3. ҷиҳозест дар фотоаппарат барои гирифтани як чанд негатив аз як навор 4. асбобест барои якбора гирифтани намунаи чопи ранга 5. эк. коэффициенти омили фузунсозӣ 6. мутахассиси фузунсозӣ, мутахассиси мультипликация)*

мультипликационн||ый, -ая, -ое *кино* мультипликационӣ, ...и мультипликация; **~ая съёмка** аксгирии мультипликационӣ; **~ый фильм** фильми мультипликационӣ

мультипликация *ж кино* мультипликация *(1. суратгирии кино аз рӯи суратҳо ё зочаҳо 2. фильми бо ин роҳ тайёр кардашуда)*

мульча *ж с.-х.* мульча *(ҳар чизе, ки бо он болои хоки киштро пӯшондан мумкин аст)*

мульчировать *сов., несов. что с.-х.* мульчаронӣ *(бо коғаз, пахол, торф ва м. ин пӯшондани болои хоки кишт барои пайдо нашудани алафҳои бегона ва намии хок)*

муляж *м* мулуҳ, амсила; **восковой ~ груши** мулуҳи мумини нок

мумиё *с нескл.* мумиё

мумификация *ж (по знач. гл.* **мумифицировать**) мумиё кардан(и)

мумифицировать *сов., несов. кого-что* мумиё кардан

мумифицироваться 1. *сов., несов.* мумиё шудан 2. *несов. страд.* мумиё карда шудан

мумия I *ж* 1. мумиё; **~ фараона** мумиёи фиръавн 2. *(высохший труп)* мурдаи қоқшуда 3. *перен. (о худом человеке)* одами мурдамонанд (лоғар, ланҷ, карахт)

мумия II *ж (краска)* шангарф

мундир *м* мундир *(кулутаи расмии ҳарбӣ ё граждани)*; **офицерский ~** мундири офицерӣ ◇ **картошка в ~е** картошкаи бо пусташ пухтагӣ

мундштук *м* 1. найча *(ҷои аз тамоку холии папирос)*; **~ папиросы** найчаи папирос 2. муштук; **янтарный ~** муштуки каҳрабоӣ 3. *муз.* лабгир *(як қисми асбоби мусиқии нафасӣ, ки дар вақти навохтан ба даҳон мегиранд ё ба лаб мегузоранд)*; **~ саксофона** лабгири саксофон 4. *(железные удила)* даҳона; **держать лошадь на ~е** аспро бо даҳона нигоҳ доштан

мундштучить *несов. кого* даҳона задан, сулуқ гузарондан; **~ коней** ба аспҳо даҳона задан

муниципализация *ж* муниципализация *(моликияти замин ва иморатҳои хусусиро ба органҳои худидоракунии маҳаллӣ гирифта додани давлат)*

муниципализированн||ый, -ая, -ое *прич., прил.* муниципалӣ кардашуда, муниципалишуда; **~ые земли** заминҳои муниципалӣ

муниципализировать *сов., несов. что* муниципализация (муниципалӣ) кардан; **~ дома** иморатҳоро муниципалӣ кардан

муниципализироваться *несов. страд.* муниципалӣ карда шудан

муниципалитет *м* 1. муниципалитет *(органи худидоракунии маҳаллӣ дар баъзе мамлакатҳои буржуазӣ)*; **члены ~а** аъзоёни муниципалитет 2. муниципалитет, бинои муниципалитет; **жители города собрались перед ~ом** аҳолии шаҳр дар назди бинои муниципалитет ҷамъ шуданд

муниципальн||ый, -ая, -ое 1. муниципалӣ, ...и муниципалитет; **~ые чиновники** мансабдорони муниципалитет 2. муниципалишуда

мура *ж прост.* гапи беҳуда, сафсата, ёва, ҳазьён; **это ~!** ин гапи беҳуда аст!

мурава I *ж* сабза

мурава II *ж см.* **глазурь** I

муравей *м* мур, мӯрча; **красный ~** мӯрчаи сурх; **чёрный ~** мурчаи сиёҳ

муравейник *м* 1. мӯрчахона; **рыночная площадь напоминала ~** майдони бозор мӯрчахона барин буд 2. *зоол.* хирси мурчахӯр *(хирси майдаи сиёҳпашм, ки меваю мурча мехурад)*

муравить *несов. что (глазуровать)* сир давондан, сирдор кардан; **~ крынки** ба хурмачаҳо сир давондан

муравиться *несов. страд.* сир давонда шудан, сирдор карда шудан

муравка *ж фольк. ласк. к* **мурава** I; **травка-~** сабза

муравление *с (по знач. гл.* **муравить**) сирдавонӣ, сир давондан(и), сирдор кардан(и)

муравленный *прич.* (муравлен, -а, -о) сир давондашуда, сирдор кардашуда

муравленый, -ая, -ое *(глазурованный)* сирдор, сирнок; **~ кувшин** кузаи сирдор

муравушка *ж фольк. ласк. к* **мурава** I

муравчат||ый, -ая, -ое *фольк.* сабзапуш; **~ая лужайка** сабзазор

муравьед *м зоол.* мӯрчахӯр *(ҳайвони бедандони ширхор, ки бисьёртар мӯрча мехурад)*

муравьин||ый, -ая, -ое ...и мӯр, ...и мурча; **~ая куча** мурчахона; **~ые яйца** тухмҳои мӯрча ◇ **~ая кислота** *хим.* кислотаи формиат; **~ый альдегид** *мед.* формальдегид

мураш *м прост. и обл.* мӯрча, мӯрчаи майда, гардакмурча, лесак; **пень кишел ~ами** кундаи дарахт пур аз мӯрча буд

мурашк||а *ж прост. и обл. уменьш. к* **мураш** ◇ **~и бегают (ползают) по спине (по телу, по коже)** бадан ваҷаррос мезанад, ба бадан мурғак медавад; **покрыться ~ами** мурғак задан

мурена *ж зоол.* мормоҳӣ

мурза *м ист.* мирзо

мурластый, -ая, -ое *прост.* рафидаруй; **~ пареиь** ҷавони рафидаруй

мурло *с* 1. *обл.* фук, пуз 2. *прост.* афти (башараи) хунук, рӯи безеб

мурлыка *м, ж разг.* гурба

мурлыканье *с* 1. хур-хур; хур-хур кардан(и); **~ кошки** хур-хури гурба 2. *(по знач. гл.* **мурлыкать** 2) паст-паст суруд хондан(и), замзама кардан(и); **за стеной слышалось ~** аз пушти девор садои замзама ба гӯш мерасид

мурлыкать *несов.* 1. *(тихо урчать — о кошке и т. п.)* хур-хур кардан 2. *что и без доп. перен. разг.* паст-паст суруд хондан, замзама кардан; **~ песенку** паст-паст суруд хондан, замзама кардан

мурмолка *ж* мурмолка *(кулоҳи қадимии мӯина ё бахмал)*

муровать *несов. что* барбастан, маҳкам кардан, ловидан; **~ окно** тирезаро барбастан

муругий, -ая, -ое *(о масти животных)* сурхи сиёҳтоб, бӯри сиёҳтоб; **~ бык** барзагови сурхи сиёҳтоб

мурыжн||ть *несов. кого-что и без доп. прост.* 1. ба таъхир андохтан, боздоштан 2. безор кардан, азоб додан; **он долго ~л меня вопросами** вай бо саволҳои худ маро бисьёр безор кард

мурья *ж уст.* 1. *(трюм)* таҳхонаи киштӣ 2. *перен. прост.* хонаи танги шифташ паст

мускат *м* 1. мушкклак *(навъи чормағз)*; **тёртый ~** мушкклаки суда 2. мускат *(навъи ангур)*; **розовый ~** мускати гулобӣ; **~ поспел** мускат пухт 3. мускат *(навъи шароб)*; **выпить ~а** андак мускат нушидан

мускатель *м (сорт вина)* мускатель *(навъи шароб)*

мускатник *м бот.* мушкклак

мускатн||ый, -ая, -ое мускатӣ, ...и мушкклак; **~ые сорта винограда** навъҳои ангури мускат

мускул *м анат.* мушак; **шейные ~ы** мушакҳои гардан

мускулатура *ж* мушакҳо; **развитая ~** мушакҳои бақувват

мускулистость *ж* сермушак будан(и); **~ торса** сермушакии бадан

мускулист||ый, -ая, -ое (мускулист, -а, -о) сермушак; **~ые ноги** пойҳои сермушак

мускульный, -ая, -ое мушакӣ, ...и мушак

мускус *м* 1. мушк 2. *уст.* атри мушкдор

мускусный, -ая, -ое мушкин, ...и мушк; **~ запах** буи мушк

муслин *м текст.* муслин *(навъи*

матои нафис); **шёлковый ~** муслини шохӣ; **шерстяной ~** муслини пашмӣ

муслѝнов||ый, -ая, -ое муслинӣ, ...и муслин; **~ая ткань** муслин

му́слить *несов. см.* **мусо́лить** 1

мусо́л||ить *несов. что прост.* 1. *что* бо оби даҳон тар кардан; **~ить па́лец** ангуштро бо оби даҳон тар кардан 2. доғдор кардан *(бо ангуштони чиркин)*; **не ~ь ска́терть** дастархонро доғдор накун! 3. *тж. без доп. перен.* кашол додан, ба таъхир андохтан; **хва́тит тебе́ ~ить, зака́нчивай!** дигар кашол надеҳ, тамом кун!

мусо́литься *несов. страд.* бо оби даҳон тар карда шудан; доғдор карда шудан

му́сор *м* ахлот, хокруба, хасу хошок; **у́рна для ~а** қуттии ахлот; **вы́мести ~** ахлотро руфтан

му́сорить *несов.* ифлос кардан; **~ в ко́мнате** хонаро ифлос кардан

му́сорн||ый, -ая, -ое ...и ахлот, ...и хокруба, ...и хасу хошок; **~ая ку́ча** тудаи ахлот; **~ая корзи́на** сабади ахлот, ахлотдон

мусоропрово́д *м* қубури ахлот

мусороубо́рочн||ый, -ая, -ое ...и ахлотғундорӣ; **~ая маши́на** мошини ахлотғундорӣ

му́сорщик *м* фаррош

мусс *м кул.* фиринӣ

мусси́рование *с (по знач. гл.* **мусси́ровать)** кафк кунондан(и); кафк кардан(и); муболиға (муҳобот) кардан(и)

мусси́р||овать *несов.* 1. *что* кафк кунондан 2. *(о напитках)* кафк кардан; **вино́ ~ует** шароб кафк мекунад 3. *что перен.* муболиға (муҳобот) кардан; **~овать слу́хи** овозаҳоро муболиға кардан

муссо́н *м* мавсима, муссон *(боде, ки дар тобистон аз баҳр ва дар зимистон аз хушкӣ мевазад)*

муста́нг *м зоол.* мустанг *(аспи хонагии ёбоишудаи Америкаи Шимолӣ, ки алҳол ниҳоят кам мондааст)*

мусульма́нин *м* мусулмон

мусульма́нка *ж* мусулмонзан, мусулмондухтар, муслима

мусульма́нск||ий, -ая, -ое мусулмонӣ, ...и мусулмон, ...и мусулмонӣ, исломӣ, ...и ислом; **~ое вероиспове́дание** ислом; **~ий Восто́к** Шарқи исломӣ

мусульма́нство *с* мусулмонӣ, ислом

мусье́, мусью́ *м нескл. см.* **мосье́**

мута́нт *м биол.* мутант *(фарди организми ҳайвонот ё растаниҳо, ки дар натиҷаи мутация ба вуҷуд омадааст)*

мутацио́нн||ый, -ая, -ое мутацияги, мутационӣ, ...и мутация; **~ая изме́нчивость** тағйирёбии мутацияги; **~ая тео́рия** назарияи мутация

мута́ция *ж* мутация *(1. биол. тағйироти табиӣ ва ё сунъии хусусияти ирсии организм, ки дар натиҷаи дигаргуншавӣ ва ё вайроншавии хромосомаҳо ва генҳо ба вуҷуд меояд; асоси тағйироти хусусияти ирсии организм 2. тағйир ёфтани овози бача ҳангоми ба балоғат расидан)*

мути́||ть *несов.* 1. *что* тира (хира) кардан; лойолуд (гилолуд) кардан 2. *что перен.* тира (хира) кардан; норавшан (мубҳам) кардан 3. *кого-что перен.* ба ҳаяҷон овардан, музтариб кардан 4. *кого-что перен.* иғво кардан, барангехтан, норизоӣ пайдо кунондан, ба ошуб овардан; **~ть наро́д** халқро барангехтан 5. *безл. кого разг.* дилро беҳузур кардан; **меня́ ~т от духоты́** ҳавои дим диламро беҳузур мекунад ◇ **~ть во́ду** обро лой кардан, қасдан кореро печ дар печ кардан; **кути́ть и (да) ~ть** *уст.* 1) *(вносить смуту)* ба шуру ошуб андохтан 2) *обл. (кружить — о вьюге)* барфро гирд занондан

мути́т||ься *несов.* 1. тира (хира) шудан; лойолуд шудан 2. *перен. (о сознании, разуме)* тира (хира) шудан; норавшан (мубҳам) шудан; **мы́сли му́тятся** фикрҳо тира мешаванд, ақл тира мешавад 3. *страд.* тира (хира) карда шудан ◇ **в глаза́х ~ся** чашм сиёҳ мезанад

мутне́||ть *несов.* 1. тира (хира) шудан; лойолуд (гилолуд) шудан; **стёкла ~ют** оинаҳо тира мешаванд 2. *перен.* тира (хира) шудан; норавшан (мубҳам) шудан; **ра́зум ~ет** ақл тира мешавад

му́тно 1. *нареч.* тира, хира 2. *в знач. сказ. безл.* тира (хира) аст; **от уста́лости в глаза́х ста́ло ~** аз хастагӣ чашмҳо сиёҳ заданд

му́тность *ж* 1. тирагӣ, хирагӣ; гилолуд будан(и) 2. *(осадок)* таҳнишин, дурда

му́тн||ый, -ая, -ое (му́т|ен, -на́, -но) 1. тира, хира; лойолуд, гилолуд; **~ое вино́** шароби тира; **~ые зеркала́** оинаҳои хира 2. туманолуд, тира, хира; **~ое не́бо** осмони тира 3. *(о свете)* хира, норавшан; **~ая ла́мпочка** лампочкаи хира 4. сафедтоб; **~ые облака́ ползли́ по не́бу** абрҳои сафедтоб дар осмон шино мекарданд 5. *перен. (тревожный)* изтиробангез 6. *перен. (о сознании, разуме)* тира, хира; норавшан, мубҳам; **~ая голова́** ақли тира ◇ **в ~ой воде́ ры́бу лови́ть** *погов.* обро лой карда моҳӣ гирифтан

муто́вка *ж* 1. *бот.* тудагул, ту́дабарг 2. *(для взбивания)* қаллоқ, чилчуб, чахчуб

муто́вчат||ый, -ая, -ое *бот.* тӯдагулдор, тудабаргдор; **~ые ли́стья** тудабаргҳо

му́торно *прост.* 1. *нареч.* ғамгинона, дилгирона, пурғусса 2. *в знач. сказ. безл.* дилгиркунанда аст, ғуссаовар аст; **~ на душе́** дил пурғусса аст

му́торн||ый, -ая, -ое *прост.* ғамгин (она), дилгиркунанда, зиққунанда, пурғусса; **~ое заня́тие** кори зиққунанда

муть *ж* 1. таҳнишин, дурда; **на дне ведра́ скопи́лась ~** дар таги сатил таҳнишин ҷамъ шудааст 2. *перен.* ғубор; **над поля́ми стоя́ла предрассве́тная ~** вусъати саҳроро пардаи ғубори субҳ пушида буд 3. *перен. (неясное сознание)* тирагӣ, хирагӣ, норавшанӣ 4. *перен.* ғубор, тирагӣ; **~ на душе́** ғубори дил, ғами (ғаши) дил

му́фель *м тех.* хумдон

муфло́н *м зоол.* муфлон *(гусфанди ёбоӣ, ки дар баъзе ҷазираҳои Баҳри Миёназамин вомехӯрад)*

му́фта *ж* 1. остинча *(навъи дастпушаки занона)*; **бе́личья ~** остинчаи пусти санҷобӣ 2. *тех.* купала, бастак; **зубча́тая ~** купалаи дандонадор; **ди́сковая ~** бастаки мудаввар

му́фтий *м* муфтӣ

му́фтовый, -ая, -ое *тех.* ...и купала

му́х||а *ж* магас; **ко́мнатная ~а** магаси муқаррарӣ ◇ **бе́лые ~и** заррахои барф; **до бе́лых мух** то боридани барф; **как со́нная ~а** кунду карахт; **~и мрут (до́хнут)** *погов.* ниҳоят дилбазан, хеле зиққунанда, дилтангкунанда; **~и не оби́дит** мурчаро (пашшаро) озор намедиҳад; **быть под ~ой** маст будан, ширакайф будан; **де́лать из ~и слона́** аз пашша фил сохтан; аз коҳ кӯҳ сохтан; **кака́я ~а укуси́ла?** *кого* чӣ ҷин зада бошад?; **мрут как ~и** ба тухмашон қирон омадааст; **слы́шно, как ~а пролети́т** пашша пар намезанад

мухоло́в *м см.* **мухоло́вка** 2

мухоло́вка *ж* 1. *(приспособление)* пашшакушак 2. *(птица)* чағук 3. *(насекомое)* тортанак 4. *бот.* пашшахурак

мухомо́р *м* 1. *бот.* маргимагас *(навъи занбӯруғи заҳрдор)* 2. *спец.* пашшақаппак *(коғази заҳрандуди магаскушӣ)* 3. *разг. (дряхлый)* нимҷон, мурданӣ, чурук

мухо́ртый, -ая, -ое *(о масти лошади)* алотурук

мухоя́р *м* парипашша *(як навъ матоъ)*

мухоя́ровый, -ая, -ое парипашшагӣ, ...и парипашша

муче́ни||е *с* азоб, озор, азият; **подверга́ть ~ям** азоб додан; **сто́йко переноси́ть ~я** ба азобҳо мардонавор тоб овардан; **испы́тывать ~я** азоб кашидан

му́ченик *м* 1. азобдида, озордида, ранҷур; **~и фаши́стских засте́нков** азиятмандони зиндонҳои фашистӣ 2. *рел.* риёзаткаш

му́ченица *женск. к* **му́ченик**

му́ченическ||ий, -ая, -ое пуразоб, боазият, пурозор; **~ая смерть** марги пуразоб; **~ое выраже́ние лица́** қиёфаи пурозор **му́ка ~ая** азобу уқубат, алами зур; **приня́ть ~ий вене́ц** азоби сахт кашида мурдан, ба сахтиҳо ҷон додан

му́ченичество *с* азобкашӣ, риёзаткашӣ; **обре́чь на ~** ба азоб му́тало кардан

мучи́тель *м* золим, ситамгар

мучи́тельница *ж* золима, занаки ситамгар

мучи́тельно *нареч.* 1. бо азоб, бо азият, азобовар 2. бисьёр, хеле, бағоят, аз ҳад зиёд; **~ хоте́лось спать** хоб бағоят ғалаба мекард

мучи́тельность *ж* пуразобӣ, азобовар (пуразият) будан(и)

мучи́тельн||ый, -ая, -ое (мучи́телен, -льна, -льно) озордиҳанда, пуразоб, пуразият; **~ая боль** дарди пуразоб; **~ое сомне́ние** шубҳаи пуразият

му́чи||ть *несов. кого-что* 1. азоб (озор, азият) додан; **его́ ~т головна́я боль** дарди сар уро азоб медиҳад; **~т со́весть** виҷдон азоб медиҳад 2. ба ташвиш (изтироб) андохтан

му́читься *несов.* 1. азоб (азият) кашидан, озор дидан; **~ от зубно́й бо́ли** аз дарди дандон азоб кашидан 2. *чем* музтариб будан, ташвиш кашидан 3. *с кем-чем, над чем разг.* душворӣ (мушкилӣ) кашидан; **~ с чертежо́м** дар нақшакашӣ душворӣ кашидан

мучни́к *м уст.* 1. аллоф, ордфуруш 2. *разг.* ордкаш, осиёбон

мучни́стость *ж* орддорӣ, ординокӣ, серорд будан(и); оҳардорӣ, сероҳар будан(и)

мучни́ст||ый, -ая, -ое 1. орддор, орднок, серорд; оҳардор, сероҳар 2. ордмонанд; **~ый оса́док** дурдаи (таҳнишини) ордмонанд ◇ **~ая роса́** *бот.* ширинча

мучн||о́й, -а́я, -о́е 1. ордӣ, ...и орд; **~о́й за́кром** ҳаммаи орд 2. хамирин; **~ы́е блю́да** таомҳои хамирин 3. *в знач. сущ.* **мучно́е** *с* таоми хамирин

муши́н||ый, -ая, -ое магасӣ, ...и магас; **~ое жужжа́ние** виззоси магас

му́шк||а I *ж* 1. *уменьш.-ласк.* к **му́ха**; 2. *уст.* хол 3. *(на ткани)* хол-хол 4. *уст. мед.* марҳами римкаш ◇ **шпа́нская ~а** 1) *зоол.* заррух 2) *уст. мед.* марҳами заррух

му́шк||а II *ж (у оружия)* қаровулак ◇ **брать (взять) на ~у** *кого-что* ба нишон (ба ҳадаф) гирифтан

мушке́т *м ист.* туфанг

мушкетёр *м ист.* туфангдор

мушкетёрский, -ая, -ое *ист.* ...и туфангдор, ...и сарбози туфангдор; **~ полк** полки туфангдорон

мушке́тный, -ая, -ое ...и туфанг; **~ вы́стрел** тирпарронӣ аз туфанг

мушмула́ *ж бот. (кустарник и плоды)* кайл

муштра *ж* таъдиб; **вое́нная ~** таъдиби ҳарбӣ

муштрова́ние *с (по знач. гл.* **муштрова́ть)** таъдиб додан(и);

муштрова́ть *несов. кого* 1. таъдиб додан 2. таъзир додан

муштрова́ться *несов. страд.* 1. таъдиб дода шудан 2. таъзир ёфтан

муштро́вка *ж см.* **муштрова́ние**

муэдзи́н *м* муаззин

мча||ть *несов.* 1. *кого-что* шитобон (тозон, бисьёр тез) бурдан; **конь ~л вса́дника** асп саворро тозон мебурд 2. *кого-что* тез (зуд) бурдан; **река́ ~ла древе́сные стволы** дарьё чубҳоро тез мебурд 3. *см.* **мча́ться** 1

мча||ться *несов.* 1. тез рафтан (давидан, гузаштан); **ло́шади ~тся** аспҳо медаванд 2. *перен. (о времени)* зуд гузаштан, гузашта рафтан; **го́ды ~лись незаме́тно** солҳо номаълумона гузашта мерафтанд

мша́ник *м обл. (сарай)* анбор

мши́ст||ый, -ая, -ое (мшист, -а, -о) 1. ушнаруида, ушнабаста; **~ые пни** кундаҳои ушнадор 2. ушнамонанд; **~ые во́доросли** обсабзҳои ушнамонанд

мще́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **мстить)** интиқомгирӣ, никоргирӣ, қасосгирӣ; **~е за оскорбле́ние** никоргирӣ барои ҳақорат (таҳқир) 2. интиқом, никор, қасос; **враг не уйдёт от ~я** душман аз интиқом ҷои гурез надорад

мы (нас, нам, нас, на́ми, о нас) *мест. личн.* 1. мо, моён, моҳо; **мы бы́ли в теа́тре** мо ба театр рафта будем; **нас бы́ло тро́е** мо се нафар будем; **нам ничего́ не говори́ли** ба мо чизе нагуфтаанд; **пойдёмте с на́ми** бо мо биёед; **вы о нас, вероя́тно, слы́шали?** шумо, шояд, дар бораи мо шунида бошед? 2. *(вместо «я»)* мо *(ба ҷои «ман»)*; **мы уже́ говори́ли об э́том** мо дар ин хусус гуфта будем; **мы себя́ ещё пока́жем** *разг.* ҳоло ҳунари моро ҳам мебинед // *уст. (в обращениях от лица монарха)* мо *(мас. дар нутқи шоҳон)* 3. *разг. шутл. (вместо «ты», «вы» — обращ.)* ту, шумо; **ну, как мы себя́ чу́вствуем?** аҳволи шумо чӣ тавр аст? ◇ **ме́жду на́ми [говоря́]** [гап] дар байни худамон

мы́за *ж (хутор, усадьба)* работ

мы́згать *несов. кого-что прост.* чиркин (ифлос) кардан

мы́кать *несов. кого-что прост.*: **~ век** дар қашшоқӣ зистан, мухточӣ кашидан; **го́ре ~** *прост.* азоб кашидан, мусибат дидан

мы́каться *несов. прост.* азоб (ҷафо) кашида гаштан, овора шуда гаштан; **~ по све́ту** овораи ҷаҳон шудан

мы́лить *несов.* 1. *кого-что* собун задан; **~ ру́ки** дастҳоро собун задан 2. *что* собунолуд кардан; **~ во́ду** обро собунолуд кардан

мы́лит||ься *несов.* 1. ба худ собун задан 2. кафк кардан; **мы́ло хорошо ~ся** собун нағз кафк мекунад 3. собунро ҳал кардан, собундор шудан; **э́та вода пло́хо ~ся** дар ин об собун нағз ҳал намешавад 4. *страд.* собун зада шудан

мы́лк||ий, -ая, -ое (мы́л|ок, -ка, -ко) 1. серкафк; **~ий порошо́к** хокаи серкафки собун 2. собунро нағз ҳалкунанда; **~ая вода́** оби собунро нағз ҳалкунанда

мы́л||о *с* 1. собун; **хозя́йственное ~о** собуни ҷомашуӣ; **жи́дкое ~о** собуни обакӣ; **туале́тное ~о** собуни ироқӣ; **кусо́к ~а** олқундӣ 2. кафк, арақ; кафк; **ло́шадь вся в ~е** асп кафк кардааст

мылова́р *м* собунгар, собунпаз

мыловаре́ние *с* собунгарӣ, собунпазӣ

мылова́ренный, -ая, -ое ...и собунгарӣ, ...и собунпазӣ; **~ заво́д** заводи собунпазӣ

мылова́рн||я *ж* корхонаи собунпазӣ; **рабо́тать на ~е** дар корхонаи собунпазӣ кор кардан

мы́льница *ж* собундон, собунқуттӣ

мы́льн||ый, -ая, -ое 1. собунӣ, ...и собун; **~ый порошо́к** собуни хока; **~ая пе́на** кафки собун; **~ые пузыри́** ҳубобҳои собун 2. собунзада; **~ые ру́ки** дасти собунзада 3. *(о лошади)* арақшор шуда, кафккарда; **~ые ко́ни** аспҳои арақшор шуда, кафккарда ◇ **~ое де́рево** дарахти собун *(навъи дарахти ҷанубӣ)*; **~ый ко́рень** бех; **~ый пузы́рь** чизи бебақо, нопойдор

мы́льня *ж уст. обл. (баня)* ҳаммом, гармоба

мыльня́нка *ж бот.* собунак

мы́льце *ср. уменьш.-ласк.* к **мы́ло**

мы́мра *ж прост. бран.* занаки дарундор (дамдузд)

мыс *м* 1. *геогр.* димоға; **Зелёный ~** Димоғаи Сабз; **обогну́ть ~** аз гирди димоға гузаштан 2. гуша, кунҷ; **сад выдава́лся ~ом на у́лицу** гушаи боғ ба кӯча нигоҳ мекард

мы́сленно *нареч.* зеҳнан, фикран, хаёлан,

мы́сленн||ый, -ая, -ое 1. ақлӣ, зеҳнӣ; **~ый о́браз** образи тасаввурӣ 2. ботинӣ; **~ое пожела́ние** ният

мысле́те *с нескл. уст.* мыслете *(номи кӯҳнаи ҳарфи «м»)* ◇ **выпи́сывать ~** калавида роҳ рафтан *(оид ба одами маст)*

мы́слим||ый, -ая, -ое (мы́слим, -а, -о) 1. *прич.* фикр кардашаванда; тасаввур кардашаванда 2. *прил.* имконпазир, мумкин; **~ое ли э́то де́ло?** оё ин хел шуданаш мумкин аст?, оё ин кор аз руи ақл аст?

мысли́тел||ь *м* мутафаккир; **вели́кие ~и** мутафаккирони бузург

мысли́тельн||ый, -ая, -ое ...и фикркунӣ, тафаккурӣ, зеҳнӣ; **~ые спосо́бности** қобилияти зеҳнӣ

мы́сл||ить *несов.* 1. фикр кардан, андешидан; **логи́чески ~ить** мантиқан фикр кардан 2. *уст.* гумон кардан, ҳисоб кардан, хаёл кардан; **я ~ю, что так бу́дет пра́вильно** ба фикрам, ин тавр шавад, беҳтар аст 3. *кого-что* тасаввур кардан, хаёл кардан; **как вы э́то себе́ ~ите?** шумо инро чӣ хел тасаввур мекунед?; **я не ~ю его́ вне коллекти́ва** ман уро берун аз коллектив тасаввур намекунам 4. *с неопр. разг.* хаёл кардан, гумон кардан; **я не ~ил вас здесь встре́тить** ман гумон намекардам, ки шуморо дар ин ҷо мебинам

мы́слиться *несов.* ба хаёл омадан, тасаввур кардан

мысл||ь *ж* 1. фикр, ақл, тафаккур; **его́ ~ь лихора́дочно рабо́тала** ақлаш тез кор мекард 2. *(идея)* ғоя, фикр; **интере́сная ~ь** ғояи мароқовар; **подели́ться свое́й ~ью с това́рищем** фикреро ба рафиқи худ гуфтан 3. фарз, хаёл; **у него́ мелькну́ла ~ь, что...** аз хаёли ӯ гузашт, ки... 4. ният, мақсад, фикр; **отказа́ться от ~и** аз фикри худ гаштан 5. дониш, фикр; **нау́чная ~ь** дониши илмӣ 6. андеша, хаёл; **он погрузи́лся в свои́ ~и** вай ба анде-

шаҳои худ ғарқ шуд 7. *уст. мн.* **мысли** ақида; **несогласие в ~ях** мухолифати ақидаҳо; **быть одних ~ей с кем-л.** бо касе ҳамфикр будан ◊ **задняя ~ь** фикри пинҳонӣ, андешаи ниҳонӣ; **образ ~ей** мафкура; **полёт ~и** *книжн.* парвози хаёл; **держать в ~ях** дар хотир доштан; **иметь в ~ях что-л.** дар фикр доштан; **не иметь в ~ях чего-л.** дар фикр надоштан **напасть на ~ь** ба фикре омадан; **не допускать ~и о чём-л.** дар гушаи хотир ҳам надоштан; **собраться с ~ями** ҳушу хаёли худро ба як ҷо овардан (мондан)

мыслящий, -ая, -ее 1. *прич.* муфаккир(она) 2. *прил.* муфаккир; ~ **учёный** олими муфаккир 3. *прил. уст.* муфаккир(она)

мыт I *м вет.* оқсил

мыт II *м ист.* (*налог*) боҷ

мытарить *несов. кого разг.* азоб (азият) додан, монда кардан, машаққат додан

мытариться *несов. разг.* азоб кашидан, азоб кашида гаштан, бо сахтӣ рӯз гузарондан, машаққат кашида гаштан; ~ **по чужим людям** дар ба дар шуда азоб кашида гаштан

мытарство *с* азоб, азият, озор, машаққат // *мн.* **мытарства** (*скитания*) оворагардиҳои пурмашаққат

мыто *с см.* **мыт** II

мыт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* шусташуда, шустушу кардашуда 2. *прил.* пок, тоза, шуста, шустагӣ, шусташуда; **~ый виноград** ангури шустагӣ; **~ые окна** тирезаҳои шусташуда

мыть *несов.* 1. *кого-что* шустан, шустушӯ кардан; ~ **ноги** пойҳоро шустан; ~ **ребёнку голову** сари кудакро шустан 2. *что прост.* ҷомашӯӣ кардан, либос шустан; ~ **детские рубашки** куртаҳои бачаро шустан 3. *что поэт.* фаро гирифтан, иҳота кардан 4. *кого-что* тар кардан, шустан; **дождь мыл молодую листву** борон баргҳои навро шуста тоза мекард ◊ ~ **золото** тилло шустан; **рука руку моет** *погов.* ≈ даст дастро мешуяд

мытьё *с* (*по знач. гл.* **мыть** 1) шустушӯ, шустан(и), шустушӯ кардан(и); (*по знач. гл.* **мыться** 1) худро шустан(и), оббозӣ, оббозӣ кардан(и); ~ **рук** шустушуи даст; ~ **посуды** шустушуи зарф; ~ **в бане** оббозӣ дар ҳаммом ◊ **не ~м, так катаньем** *погов.* ≈ ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ, ё ба зар

мыться *несов.* 1. дастуру шустан, шустушӯ кардан, худро шустан, оббозӣ кардан; ~ **в бане** дар ҳаммом шустушӯ кардан 2. *страд.* шуста шудан, шустушӯ карда шудан

мычание *с* 1. маосзанӣ, баасзанӣ; ~ **телят** маоси гӯсолаҳо 2. *перен. разг.* ғур-ғур, ғинг-ғинг, ғур-ғуркунӣ, норавшан гапзанӣ; ~ **глухонемого** ғур-ғуркунии гунг

мыч||ать *несов.* 1. маос (баас) задан; **корова ~ит** гов маос мезанад; **чья бы корова ~ала, а твоя бы молчала** *погов.* ≈ ҳама гап занад ҳам, ту гап назан 2. *что и без доп. разг.* ғур-ғур (ғинг-ғинг) кардан, норавшан гап задан; **он ~ит что-то непонятное** вай номафҳум ғур-ғур мекунад

мышастый, -ая, -ое (*о масти животных*) хинг, ашҳаб; ~ **ослик** харкурраи ашҳаб

мышеловк||а *ж* 1. мушгирак, мушқапак; **поставить ~у** мушгиракро соз карда мондан 2. *перен.* дом, қапқон, тузоқ; **противник попал в ~у** душман ба дом афтод

мышечн||ый, -ая, -ое мушакӣ, ...и мушак; **~ая ткань** *биол.* бофтаи мушакҳо; **~ые боли** дардҳои мушак

мыший, -ья, -ье *уст. см.* **мышиный** 1

мышин||ый, -ая, -ое 1. ...и муш; **~ая нора** лонаи муш, мушхона 2. (*как у мыши*) муш барин, хурд; **~ые глазки** чашмони танг (хурд) 3. (*серый*) хокистарранг; **~ое сукно** моҳути хокистарранг 4. *в знач. сущ.* **мышиные** *мн. зоол.* ҷинси мушҳо ◊ **~ая возня** (**суета**) ташвиши беҳуда, ташвиши зиёдатӣ; **~ый жеребчик** *уст.* пирию хартозӣ; **~ый хвостик** кокулча

мышка I *ж уменьш.-ласк. к* **мышь**

мышк||а II *ж*: **под ~ами, под ~ой** дар зери бағал

мышкование *с* (*по знач. гл.* **мышковать**) мушгирӣ, мушдорӣ

мышк||овать *несов.* муш гирифтан, муш қапидан; **в поле ~ует лиса** дар саҳро рубоҳ муш мегирад

мышлени||е *с* 1. тафаккур; **диалектическое ~е** тафаккури диалектикӣ; **философское ~е** тафаккури фалсафӣ 2. (*по знач. гл.* **мыслить** 1) фикркунӣ; **процесс ~я** процесси фикркунӣ

мышон||ок *м* мушбача; **кошка поймала ~ка** гурба мушбачаро қапидааст

мышц||а *ж анат.* мушак; **сердечные ~ы** мушакҳои дил

мышь *ж* муш; **полевая ~** муши саҳроӣ ◊ **летучая ~** кӯршапарак, хаффош, муши паррон; **фараонова ~** *см.* иҳневмон; **надулся как ~ на крупу** лабу лунҷашро овезон кардааст; тумшуқ кардааст

мышьяк *м хим.* арсен; маргимуш (*элементи химиявӣ*)

мышьяковистый, -ая, -ое арсенат

мышьяковый, -ая, -ое ...и арсен, ...и маргимуш; ~ **препарат** *мед.* маҳлули арсенат

мышьячный, -ая, -ое *уст. см.* **мышьяковый**

мыщелка *ж*, **мыщелок** *м анат.* пайванди устухон

мэр *м* мэр (*сардори муниципалитет дар баъзе мамлакатҳо*)

мэрия *ж* 1. (*управление*) мэрия, муниципалитет 2. (*здание*) мэрия, бинои муниципалитет, баладия

мюзик-холл *м* театри эстрадӣ

мюрид *м рел.* мурид

мюридизм *м ред.* муридия (*номи шартии ҳаракати озодихоҳонаи кӯҳистониёни Кавкази Шимолӣ зидди ҳукумати подшоҳии Россия дар солҳои Ҷанги Кавказ; як шакли ҷиҳод буд, ки ба нуктаҳои тасаввуф такья мекард*)

мягк||ий, -ая, -ое (мяг|ок, -ка, -ко) 1. нарм, мулоим, маҳин, нозук; **~ая подушка** болишти нарм; **~ие руки** дастҳои мулоим; **~ий хлеб** нони мулоим; **~ие волосы** мӯйҳои маҳин; **~ая ткань** матои нозук 2. нарм, мулоим; **~ие металлы** металлҳои мулоим; **~ое дерево** чӯби мулоим 3. форам, дилчасп, хуш; **~ий голос** овози форам 4. оҳиста, мулоим, нарм; **~ая поступь** нарм-нарм қадаммонӣ 5. равон, салис, ҳамвор; **~ие движения** ҳаракатҳои равон 6. мулоим, нозук; **~ие черты лица** тарҳи нозуки чеҳра 7. *перен.* ҳалим, мулоим; **~ий характер** табиати ҳалим 8. меҳрубон, навозишкор(она), нармдил(она); **~ий взгляд** нигоҳи навозишкорона 9. мулоим, саҳлгир, нармдил(она); **~ое обращение** муомилаи нармдилона 10. боадаб(она), боилтифот, илтифотнок; **предложить в ~ой форме** боадабона таклиф кардан 11. мулоим, нарм; **~ий климат** иқлими мулоим ◊ **~ий вагон** вагони мулоим (ҷои хобаш мулоим); **~ая вода** оби нарм, оби камоҳак; **~ий знак** аломати ҷудоӣ (ь); **~ая мебель** мебели мулоим; **~ие согласные** *лингв.* ҳамсадоҳои мулоим

мягко *нареч.* 1. оҳиста, мулоим; ~ **стелет, да жёстко спать** *погов.* ≈ аз рӯй шона, аз таг фона 2. меҳрубонона, нармдилона 3. (*плавно*) равон 4. (*вежливо*) боадабона ◊ ~ **выражаясь** *в знач. вводн. сл.* мулоимтар карда гӯем

мягкосердечие *с см.* **мягкосердечность**

мягкосердечность *ж* нармдилӣ, раҳмдилӣ

мягкосердечный, -ая, -ое (мягкосердеч|ен, -на, -но) нармдил, раҳмдил; ~ **человек** одами нармдил

мягкость *ж* 1. нармӣ, мулоимӣ, нозукӣ; ~ **постели** мулоимии бистар; ~ **кожи** нармии пуст; ~ **шерсти** нармии пашм 2. форамӣ, дилчаспӣ, хушӣ; ~ **голоса** форамии овоз 3. мулоимӣ, хушӣ 4. равонӣ, равон будан(и), ҳамворӣ 5. *перен.* ҳалимӣ, мулоимӣ; ~ **характера** мулоимии табиат 6. *перен.* меҳрубонӣ, навозишкорона будан(н), навозишкорӣ, нармдилӣ; ~ **улыбки** навозишкорона будани табассум 7. мулоимӣ, саҳлгирӣ, нармдилӣ, нармӣ; ~ **замечания** мулоимии танбеҳ 8. боодобӣ, боилтифотӣ; ~ **обращения** боодобии муомила 9. мулоимӣ, сахт набудан(и); ~ **климата** мулоимии иқлим

мягкотелость *ж* сустмизоҷӣ, беғайратӣ; **проявлять** ~ сустмизоҷӣ кардан

мягкотелый, -ая, -ое (мягкотел, -а, -о) 1. *разг.* нармбадан, мулоимбадан 2. *перен.* сустмизоҷ, беғайрат 3. *тк. полн. ф. в знач. сущ.* **мягкотелые** *мн. зоол.* нармбаданҳо

мягкошёрстн||ый, -ая, -ое мулоимпашм, нармпашм; **~ые породы овец** зотҳои гусфандони нармпашм

мягкошёрстый, -ая, -ое *см.* **мягкошёрстный**

мягче *сравн. ст. к* **мягкий** *и к* **мягко**

мягче́||ть *несов. прост.* нармтар (мулоимтар) шудан; **глаза́ ма́тери ~ли** нигоҳи чашмони модар нармтар мешуданд

мягчи́тельный, -ая, -ое нармкунанда, мулоимкунанда; ~ **крем** креми нармкунанда

мягчи́ть *несов. что* нарм (мулоим) кардан

мяки́на *ж* коҳреза, пешбода; **овся́ная** ~ коҳрезаи ҷавдор

мяки́нн||ый, -ая, -ое 1. коҳрезагӣ, ...и коҳреза, ...и пешбода; **~ая пыль** чанги коҳреза 2. коҳрезадор, пешбодадор, бо коҳреза омехта; **~ый корм** хуроки коҳрезадор ◇ **~ая голова** *прост. бран.* аҳмақ, аблаҳ, каллаварам, каллакаду

мя́киш *м* мағзи нон; **хле́бный** ~ мағзи нон

мя́кн||уть *несов. разг.* 1. нарм (мулоим) шудан; **ко́жа ~ет в дуби́льном раство́ре** чарм дар маҳлули даббоғӣ мулоим мешавад 2. нажмурда (пукка) шудан 3. *перен.* нармтар (мулоимтар) шудан

мяко́т||ь *ж* 1. ҷои мулоими бадан 2. *разг.* лаҳм, гушти беустухон; **купи́ть полкило́ ~и** ним кило лаҳм (гушти беустухон) харидан 3. *(плодов, ягод и т. п.)* мағзи мева; **со́чная ~ь пе́рсиков** мағзи ширадори (обдори) шафтолу

мя́лка *ж* 1. мошини зағирпоякубӣ 2. *тех.* мошини кубанда, кубак

мя́мли||ть *несов. разг.* 1. *что и без доп.* шаф-шаф гуфтан, нобурро (норавшан, хоида-хоида) гап задан; **что ты там ~шь?** ту чӣ шаф-шаф карда гап мезанӣ? 2. дудилагӣ кардан; суст ҳаракат кардан; **хва́тит ~ть, вре́мени остаётся ма́ло** сустҳаракатӣ бас аст, вақт кам монд

мя́мля *м, ж разг.* 1. шаф-шафгуянда, нобурро гапзананда 2. одами суст (лаванд, сустҳаракат)

мяси́стость *ж* 1. гуштдорӣ, сергуштӣ, фарбеҳӣ 2. *разг.* ғафсӣ, фарбеҳӣ, сергуштӣ; ~ **щёк** сергуштии рухсораҳо 3. *(плодов и т. п.)* мағздорӣ, сермағзӣ

мяси́ст||ый, -ая, -ое (мяси́ст, -а, -о) 1. гуштдор, сергушт, фарбеҳ; **~ый гусь** ғози фарбеҳ 2. *разг.* ғафс, фарбеҳ; **~ые гу́бы** лабҳои ғафс 3. мағздор, сермағз; **~ая гру́ша** ноки сермағз

мясни́к *м* қассоб, гуштфуруш

мясн||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и гушт, гуштӣ, гуштин, гуштнок; **~о́й фарш** гуштқима; **~ы́е консе́рвы** консерви гуштин; **~о́й магази́н** магазини гуштфурушӣ 2. сергушт; **~ая овца́** гусфанди сергушт 3. *в знач. сущ.* **мясная** *ж уст. разг.* дукони гуштфурушӣ 4. *в знач. сущ.* **мясно́е** *с* хуроки гуштнок; **он не ест ~о́го** вай хуроки гуштнок намехурад

мя́со *с* 1. *разг.* мушак, мушакҳо; **пу́ля сорвала́ ~ у него́ с плеча́** тир ба кифти у хурда мушакро даррондааст 2. гушт; **ути́ное ~** гушти мурғобӣ; **бе́лое ~** гушти мурғ, гушти гусола; **по́стное ~** гушти беравған; **вари́ть ~** гушт пухтан 3. *разг.* гушти гов 4. *разг.* мағз; ~ **пе́рсика** мағзи шафтолу ◇ **ди́кое ~** гушти зиёдатӣ; **пу́шечное ~** гушти дами туп; **ни ры́ба ни ~** на оби хунук, на оташи сузон; на дузди бозор, на шайхи мазор; **вы́рвать с ~м** *(пуговицу и т. п.)* бо парчаи либос кандан *(мас. тугмаро)*

мясо-, мя́со- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «гушт», «гуштӣ»:* **мясокомбина́т** комбинати гушт; **мя́со-моло́чный** ...и гушту шир

мясое́д *м церк.* ифтор; гуштхуракон *(даврае, ки бо иҷозати русумоти калисои православӣ диндорон метавонанд гушт хуранд, яъне руза кушоянд)*

мясозаготови́тельн||ый, -ая, -ое ...и гушттайёркунӣ, гушт тайёркунанда; **~ые организа́ции** ташкилотҳои гушттайёркунӣ

мясозагото́вки *мн.* *(ед.* **мясозагото́вка** *ж)* гушттайёркунӣ

мясокомбина́т *м* комбинати гушт, гушткомбинат

мя́со-моло́чный, -ая, -ое ...и гушту шир

мясопоста́вки *мн.* *(ед.* **мясопоста́вка** *ж)* гуштсупорӣ; **вы́полнить ~** гуштсупориро адо кардан

мясопу́ст *м церк.* имтиноъ; гуштнохуракон *(рузе, ки бо ҳукми русумоти калисои православӣ гушт хурдани диндорон мумкин нест)*

мясору́бк||а *ж* 1. мошини гушткубӣ, гушткубак; гуштқимакунак; **пропусти́ть мя́со че́рез ~у** гуштро аз гуштқимакунак гузарондан 2. *перен.* задухурди (ҷанги) сахти хунрезӣ

мясти́сь *несов. уст.* 1. шуридан, дар шуриш будан, дар исьён будан 2. *перен.* дар ҳаяҷон будан, музтариб будан, дар ташвиш будан; **душа́ мятётся** дил дар ҳаяҷон аст 3. тез (бетартиб) роҳ рафтан, саросемавор гаштан; **ко́ни мяту́тся по доро́ге** аспҳо саросемавор роҳ мераванд

мя́т||а *ж* 1. *бот.* пудина, наъно, ҳулбуй; **лесна́я ~а** пудинаи ҷангалӣ; **полева́я ~а** пудинаи боғӣ 2. *(настойка, отвар)* қиёми пудина, оби (доруи) пудина; **напои́ть больно́го ~ой** ба бемор оби пудина хуронда

мяте́ж *м* исьён, балво; **подави́ть ~** исьёнро пахш кардан

мяте́жник *м* исьёнгар, балвогар, исьёнкор

мяте́жнический, -ая, -ое ...и исьёнгар, ...и балвогар, исьёнгарона

мяте́жность *ж* 1. дар исьён (дар балво) иштирок доштан(и); ба исьён майл доштан(и) 2. *книжн.* ҳаяҷон, изтироб, ҳаяҷоннок будан(и); ~ **чувств** ҳаяҷоннок будани ҳиссиёт

мяте́жн||ый, -ая, -ое 1. исьёнкунанда, балвокунанда; исьёндуст, балводуст; **~ый полк** полки исьёнкунанда; **~ые племена́** тоифаҳои исьёндуст 2. *книжн.* ҳаяҷоннок, изтиробнок, пуризтироб

мя́тн||ый, -ая, -ое ...и пудина, ...и наъно, пудинагӣ, пудинадор; **~ый за́пах** буи пудина; **~ые ка́пли** арақи пудина

мя́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ғиҷим кардашуда, фушурдашуда 2. *прил.* пачақшуда; **~ые пе́рсики** шафтолуи пачақшуда 3. *прил.* ғиҷимшуда, пахшшуда, поймолшуда; **~ое пла́тье** куртаи ғиҷимшуда 4. *прил.* пахшшуда, нақшин; **~ый ба́рхат** бахмали нақшин 5. *прил. перен. разг.* беқувват, заиф, беҳолшуда, мондашуда; **~ое лицо́** чеҳраи мондашуда, руи коҳида ◇ **~ый пар** *тех.* буғи истифодашуда

мять *несов.* 1. *что* ғиҷим кардан, фушурдан, лагад кардан; ~ **гли́ну** лойро лагад кардан 2. *что с.-х.* лат зада мулоим кардан, пахш (зер) карда мулоим намудан; ~ **лён** зағирпояро пахш карда мулоим намудан 3. *что* ғиҷим (пахш) кардан; поймол кардан; ~ **траву́** алафро поймол кардан; **она́ мя́ла в рука́х плато́к** вай руймолчаро дар дастҳояш ғиҷим мекард 4. *кого-что разг.* фушурдан, фишор додан, зер кардан

мятьё *с* *(по* **мять** 1) ғиҷим кардан(и); лагад (поймол, пахш) кардан(и); ~ **ко́жи** ғиҷим кардани чарм

мя́ться *несов.* 1. ғиҷим шудан; **гли́на хорошо́ мнётся** гил ба осонӣ ғиҷим мешавад 2. зуд ғиҷим (қат) шудан; **э́та ткань мнётся** ин матоъ зуд ғиҷим мешавад 3. *перен. разг.* хиҷолат кашидан, шарм доштан, мутараддид шудан; **ма́льчик мя́лся в дверя́х** бача дар пеши дар хиҷолат кашида меистод 4. *перен. разг.* дудилагӣ кардан, дудила шудан; **он мнётся, не зна́я, что сказа́ть** вай дудила шуда, намедонад, чӣ гуяд 5. *страд.* ғиҷим карда шудан, фушурда шудан, лагад карда шудан

мя́у *звукоподр.* мав, мияв *(овози гурба)*

мя́уканье *с* мав-мав, мияв-мияв, мав-мав (мияв-мияв) кардан(и); ~ **ко́шек** мияв-мияви гурбаҳо

мя́ука||ть *несов.* мав-мав (мияв-мияв) кардан; **ко́шка ~ет** гурба мияв-мияв мекунад

мя́укну||ть *сов. однокр. к* **мя́укать**

мяч *м* туб, хаппак; **футбо́льный ~** туби футбол; **рези́новый ~** туби резинӣ; **игра́ть в ~** туббозӣ кардан

мячик *м уменьш. к* **мяч**

Н

на I *предлог* 1. *с вин.* *(указывает направление действия)* ба, ба руи..., ба болои...; бар; **идти́ на у́лицу** ба куча рафтан; **сесть на своё ме́сто** ба ҷои худ нишастан; **положи́ть на стол** ба руи миз гузоштан; **не попада́йся мне на глаза́!** ба назарам нанамо!; **обижа́ться на кого́-л.** аз касе хафа шудан; **отве́т на вопро́с** ҷавоби савол; **подпи́ска на газе́ты** ба газетаҳо обунашавӣ 2. *с вин.* *(при обозначении срока)* ба, дар, ба муддати..., барои; **рабо́та на за́втра** кор барои фардо; **уви́деться на**

другой день дар рӯзи дигар вохӯрдан; **запасти дров на зиму** барои зимистон ҳезум тайёр кардан; **работы ещё на целую неделю** кор боз ба як ҳафтаи тамом мерасад 3. *с вин. (при обозначении количественной разницы, степени превосходства или недостатка):* **опоздать на пять минут** панҷ дақиқа дер мондан; **старше на два года** ду сол калон; **на месяц раньше** як моҳ пеш; **на двадцать рублей больше** бист сум зиёдтар 4. *с вин. (при обозначении множителя или делителя)* ба; **разделить на три** ба се тақсим кардан; **помножить пять на четыре** панҷро ба чор зарб задан; **разделить на две части** ба ду ҳисса тақсим кардан; **разрезать на куски** пора-пора кардан 5. *с вин. (при обозначении меры, количества, определяющих границы чего-л.)* ба; **купить на десять рублей** ба даҳ сӯм харидан; **хватит на всех** ба ҳама мерасад 6. *с вин. (при обозначении цели, назначения)* ба; **взять на воспитание** ба тарбия гирифтан; **испытывать что-л. на прочность** маҳкамии чизеро санҷидан; **комната на двух человек** хонаи дукаса; **обед на пять человек** хӯрок барои панҷ кас 7. *с вин. (при обозначении условий, обстоятельств)* бо; **на голодный желудок** бо дили наҳор, бо дили гурусна; **на свежую голову** баъди истироҳат // *(при словах, выражающих эмоциональную оценку события)* барои, ба; **на горе** ба бадбахтӣ, бадбахтона; **на мою радость** хушбахтона 8. *с вин. (при обозначении образа действия)* ба; **верить кому-л. на слово** ба қавли касе бовар кардан; **говорить на память** ёдакӣ гап задан, аз ёд гуфтан 9. *с вин. (при обозначении какого-л. признака)* бо, ба; **хромать на одну ногу** ба як пой лангидан; **нечист на руку** дасташ қалб, каҷдаст 10. *с предл. (при обозначении места)* дар, ба, ба болои..., бар болои..., дар руи..., дар пеши...; **жить на юге** дар ҷануб зиндагӣ кардан; **сидеть на заседании** дар маҷлис нишастан; **оставить на столе** ба болои стол монда рафтан; **на ногах ботинки** дар пояш ботинка // *(соответствует предлогу «в»)* дар; **на военной службе** дар хизмати ҳарбӣ; **первый на селе работник** беҳтарин коркуни деҳа; **тоска на сердце** дил хафа // *(при обозначении предметов, лиц, в присутствии которых что-л. совершается)* дар пеши...; **на людях** дар пеши мардум; **на моих глазах** дар пеши назари ман; **на миру и смерть красна** *посл.* марги бо ёрон (бо дустон) туй аст 11. *с предл. (на вопрос «когда»)* дар, дар вакти...; **на каникулах** дар вақти таътил; **на той неделе** дар ҳафтаи оянда; **на этих днях** дар ҳамин рӯзҳо; **на нашей памяти** дар хотири (дар ёди) мо 12. *с предл. (при обозначении средства передвижения)* бо; **лететь на самолёте** бо самолёт паридан; **плыть на пароходе** бо киштӣ рафтан; **кататься на лодке** бо қаиқ сайр кардан 13. *с предл. (при обозначении образа действия):* **на всём скаку** чорхеззанон; **на бегу** давдавон, давон-давон; **на лету** 1) дар айни парвоз, парвозкунон 2) *перен.* якбора, дарҳол, тез; **он схватывает мои мысли на лету** ӯ ба фикри ман дарҳол пай мебарад 14. *с предл. (при посредстве)* дар, бо; **жарить на масле** дар равған бирьён кардан 15. *с предл. (при обозначении устройства, свойства, состояния)* -дор; **вагон на рессорах** вагони рессордор; **матрац на пружинах** матраси пружинадор 16. *с предл. в сочет. с гл.:* **играть на рояле** рояль навохтан; **говорить на русском языке** бо забони русӣ гап задан; **перевести книгу на таджикский язык** китобро ба [забони] тоҷикӣ тарҷима кардан; **свободно читать на английском языке** ба забони англисӣ бемалол хондан 17. *с предл. (при обозначении пребывания в каком-л. состоянии)* дар; **стоять на часах** дар посбонӣ истодан, қаровулӣ кардан ◇ **на что [уж]** *(как ни, хотя и очень)* ҳар чанд **ки**, агар чанде

на II *частица в знач. сказ. разг.* ма, мана; **на, возьми** ма, гир; на **тебе книгу** мана ба ту китоб ◇ **вот те (тебе) [и] на!** ана!, оббо!, ана халос!; **на тебе!** ана инро бин!; ана халос!, оббо!

на III *частица:* **какой ни на есть** чӣ хеле ки бошад, ҳар навъе ки бошад; **кто ни на есть** касе ки (кӣ ки) бошад, ҳар кӣ бошад, ҳар кас; **что ни на есть** бисьёр, ҷудо, ниҳоят дараҷа, гузаро

на- *приставка* 1. *префиксест, ки барои сохтани феъл ва исмҳои феълӣ кор фармуда шуда, маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *равона шудани амал ба сатҳи предмет* — **набежать** давида баромадан, давида рӯи чизеро пушондан; **налететь** парида омада ҳамла овардан; **наскочить** бархӯрдан, дучор шудан; дарафтодан; **наехать** бархӯрдан 2) *болои предмет гузоштан* — **намотать** печондан; **нашить** аз рӯй дӯхтан, дӯхта часпондан 3) *ба ҷо овардани амал дар сатҳи чизе* — **намёрзнуть** қирав бастан; ях бастан (кардан) 4) *пурӣ, аз ҳад зиёд будани амал* — **наговорить** бисьёр гап задан, лақидан; **напечь** пухтан, пухта тайёр кардан; **навозить** бисьёр кашонда овардан; **насолить** намак (шӯр) кардан, дар намак хобондан; **натопить** гарм кардан, тафсондан 5) *дар феълҳои бо «-ся» тамом мешудагӣ — сершавӣ, пурра қаноат кардани шахси амалкунанда* — **наболтаться** хуб гап зада гирифтан; **наработаться** бисьёр (хуб) кор кардан 6) *дар феълҳои дорои суффиксҳои «-ива», «-ыва-», «-ва-» — сустшавӣ, андак рӯй додани амал* — **напевать** замзама кардан; **насвистывать** пастпаст хуштак кашидан 7) *барои сохтани намуди мутлақи феъл хизмат мекунад* — **написать** навишта тамом кардан, навишта шудан; **нарисовать** кашидан, сурат кашидан 2. *барои сохтани сифату исмҳои дорои маънои зерин кор фармуда мешавад: болои чизе мавҷудбуда* — **нарукавный** руиостинӣ; **нагрудник** пешгир 3. *барои сохтани зарфҳо кор фармуда шуда, дараҷаи олӣ, ҳадди ниҳоӣ ва аломати чизеро ифода мекунад* — **накрепко** бисьёр сахт; **настрого** бисьёр ҷиддӣ

набавить *сов. что* зиёд (изофа, илова) кардан

набавк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **набавить)** зиёд (изофа) кардан(и) 2. илова, қисми иловагӣ; **цена железнодорожного билета с ~ой за скорость** нархи билети роҳи оҳан бо иловаи арзиши суръатнокиаш

набавлять *несов. см.* **набавить**

набавляться *несов. страд.* зиёд карда шудан

набавочный, -ая, -ое *разг.* изофагӣ, иловагӣ, баризофа, барилова

набагривать *несов. см.* **набагрить**

набагрить *сов. что, чего* бо чангаки дастадароз кашида ба соҳил бароварда (*мас. пораҳои ях ё ғӯлачубҳои руи обро)*

набалагурить *сов. разг.* бисьёр ширинкорӣ кардан, аския гуфтан, мазоҳ кардан

набаламутить *сов. что и без доп. разг.* шурондан, фитна ангехтан, иғво андохтан

набалдашник *м* сари (қуббаи) асо; **серебряный ~** қуббаи нуқрагини асо

набалованный, -ая, -ое *прич., прил. разг.* эрка, эрка кардашуда

набаловать *сов. кого разг.* эрка кардан, ёзондан; **~ ребёнка** бачаро эрка кардан

набаловаться *сов.* 1. *прост.* эрка шудан 2. *разг.* хуб шухӣ кардан

набалтывать *несов. см.* **наболтать** I

набальзамировать *сов. кого-что* мумиё кардан

набат *м* ноқусзанӣ, зангӯлазанӣ, бонгзанӣ *(дар мавриди ягон ҳодисаи ногаҳонӣ барои ҷамъ кардани мардум)*; **звуки ~а** бонг; **бить в ~** 1) бонги хатар задан, ба имдод ҷеғ задан 2) *перен.* бонги хавотир задан

набатн||ый, -ая, -ое ...и ноқус, ноқусӣ, ...и ноқусзанӣ; **~ые звуки** садои ноқус

набег *м* ҳуҷум, тохтутоз, ғорат, толон, тороҷ; **кавалерийский ~** ҳуҷуми саворон; **совершить ~ на что-л.** ба чизе ҳуҷум овардан

набегать *сов.* 1. *что разг.* бисьёр давида (давида-давида) гирифтори иллате шудан; **~ простуду** аз давидав шамол хурдан 2. *охот.* асар (пай) мондан

набега||ть *несов.* 1. *см.* **набежать;** 2. *на кого-что* ҳуҷум (тохтутоз) кардан 3. *безл. разг. (морщить)* чин-чин шудан; **около воротника ~ет** назди гиребон андаке чин-чин мешавад

набега||ться *сов.* бисьёр давидан; даводавӣ карда монда шудан; **он ~лся за день** у рузи дароз хуб даводавӣ кард; **~ться до изнеможения** даводавӣ карда аз мадор рафтан

набедокурить *сов. разг.* шумӣ (шӯхӣ, бетартибӣ) кардан

набе́дренн||ый, -ая, -ое: **~ая повя́зка** лунгӣ

набе́дствоваться *сов. разг.* ба фалокат гирифтор шудан, фалокати бисьёреро аз сар гузарондан

набежа́||ть *сов.* 1. *на кого-что* давида дакка хурдан; давида (дамида) баромадан; **волна́ ~ла на бе́рег** мавҷ ба соҳил дамида баромад 2. *разг.* тохта (давида) омада туб шудан; **ребя́та ~ли со всех сторо́н** бачаҳо аз чор тараф тохта омада туб шуданд 3. *перен. разг.* зиёд шудан, афзудан; **~ли проце́нты** фоизаш зиёд шуд

набезобра́зничать *сов. разг.* расвоӣ (бадкирдорӣ) кардан

набекре́нь *нареч. разг.* якшоха; **наде́ть ша́пку ~** телпакро якшоха мондан ◇ **мозги́ ~** *у кого прост.* акл(аш) дуруст кор намекунад; мияаш беҷо; як ҷамчин намерасад

набели́ть *сов.* 1. *что* сафед кардан; **~ лицо́** руйро сафед кардан 2. *что, чего* шустагарӣ кардан

набели́ться *сов.* сафедӣ молидан (задан)

на́бело *нареч.* покиза, пок, покнавис, рӯйнавис; **переписа́ть ~** покнавис кардан

на́бережная *ж* соҳил, девори соҳил (*лаби сангкорӣ ё чубкории дарьё ва м. ин*); **грани́тная ~** соҳили девораш хоросанг // (*улица*) кӯчаи лаби дарьё

набесе́доваться *сов. разг.* хуб сӯҳбат кардан

набива́ть *несов. см.* **наби́ть**

набива́ться *несов.* 1. *см.* **наби́ться**; 2. *страд.* пур (ҷо) карда шудан; зада шинонда шудан

наби́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **наби́ть** 1—3, 5) пур (ҷо) кардан(и); зада шинондан(и), зада даровардан(и) дарзбандӣ; ҷолибзанӣ, гулдор кардан(и); **~ папиро́с** пур кардани найчаи папирос бо тамоку 2. (*то, чем набито*) мағз (*чизе, ки бо вай ягон чизи дигар пур карда шудааст*); **из матра́са торчи́т ~** пахтаи (пахоли) матрас намоён аст

набивно́й, -а́я, -о́е 1.: **~ матра́с** матраси пахтадор 2. *текст.* нақшдор; **~ си́тец** чити нақшдор 3. *см.* **наби́вочный** 1

наби́вочн||ый, -ая, -ое 1.: **~ый материа́л** масолеҳи оканда 2. *текст.* нақшбанд; **~ые маши́ны** мошинҳои нақшбанд

набира́ние *с* (*по знач. гл.* **набра́ть**) гирифтан(и), ҷамъ кардан(и)

набира́ть *несов. см.* **набра́ть**

набира́ться *несов. см.* **набра́ться**

наби́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пур кардашуда; задашуда 2. *прил.* пур, пуропур; **ту́го ~ый карма́н** кисаи пур; **~ый кошелёк** ҳамьёни пур ◇ **~ый дура́к**, **~ая ду́ра** аҳмаки гузаро; **битко́м ~ый (наби́т)** пуропур, моломол

наби́ть *сов.* 1. *что* пур кардан, анбоштан, пуропур рехтан, ҷо кардан; **~ по́греб льдом** таҳхонаро бо (аз) ях пур кардан; **~ папиро́сы** найчаи папиросро аз тамоку пур кардан; **~ тру́бку** ба чубуқ тамоку ҷо кардан; **~ рот (живо́т)** *прост.* даҳон (шикам) пур кардан 2. *что на что* зада шинондан (даровардан); **~ о́бруч на бо́чку** ба бочка чамбарак задан (зада шинондан) 3. *что текст.* нақшдор кардан, гул баровардан; **~ си́тец** ба чит нақш бастан 4. *что разг.* занондан, задан; **~ мозо́ли** обила занондан; **~ ши́шку на лбу́** пешониро зада варам кунондан 5. *что, чего разг.* (*вколотить*) задан; **~ гвозде́й в сте́ну** ба девор мех задан 6. *что, чего разг.* (*разбить*) шикастан 7. *что, кого-чего* шикор (сайд) кардан (задан); **~ у́ток** мурғобӣ шикор кардан 8. *кому-чему прост.* (*победить в игре*) ғолиб (зур) баромадан 9. *кого-что прост.* задан, сахт задан; **~ мо́рду кому́-л.** *груб. прост.* ба фуки касе задан ◇ **~ битко́м** пур (лаболаб) кардан; **~ карма́н (мошну́)** кисаро пур кардан; бой шудан; **~ оско́мину** 1) дандонро кунд кардан, дандонро занондан (*аз бисьёр хӯрдани чизҳои турш*) 2) ба дил задан, безор (сер) шудан; **~ ру́ку** *в чём, на чём* моҳир шудан, малака ҳосил кардан, ёд гирифтан; **~ це́ну** *на что* нархро бардоштан (баланд кардан); **~ себе́ це́ну** нархи худро баланд кардан, бозори худро тез кардан

наби́||ться *сов.* 1. (*1 и 2 л. не употр.*) ҷой шудан; пур карда шудан; **в ко́мнату ~лось мно́го наро́ду** *безл.* ба хона бисьёр одам ҷой шуд 2. *разг.* (*напроситься*): **~ться к кому́-л. в го́сти** зӯракӣ меҳмони касе шудан ◇ **~ться битко́м** лаболаб шудан, лаб-лаб будан

наблажи́ть *сов. прост.* аҳмақи кардан

наблева́ть *сов. груб. прост.* қай карда ифлос намудан

наблуди́ть *сов. прост.* 1. ҳаромкорӣ кардан 2. (*обычно о кошке*) дуздидан, дуздида бурдан (*одатан оид ба гурба*)

наблюда́тель *м* 1. дидбон, шоҳид, наззор, бинанда; **беспристра́стный ~** шоҳиди беғараз 2. мушоҳид; **полити́ческий ~** мушоҳиди сиёсӣ

наблюда́тельность *ж* мушоҳидакорӣ, тезбинӣ, тезчашмӣ

наблюда́тельный, -ая, -ое (наблюда́те|лен, -льна, -льно) 1. мушоҳидакор, тезбин, тезчашм; **~ челове́к** одами мушоҳидакор 2. *тк. полн. ф.* ...и дидбонӣ, ...и мушоҳида кардан(и); **~ пункт** пункти дидбонӣ

наблюда́тельский, -ая, -ое *неодобр.* фориғболона, бепарвоёна

наблюда́ть *несов.* 1. *кого-что, за кем-чем* тамошо кардан, нигоҳ кардан; **я с интере́сом наблюда́л, как игра́ют де́ти** ман бозии бачагонро бо шавқ тамошо мекардам 2. *кого-что* мушоҳида (муоина, таҳқиқ) кардан; **~ со́лнечное затме́ние** гирифти (гирифтани) Офтобро муоина кардан; **~ ход собы́тий** равиши воқеаҳоро мушоҳида кардан 3. *за кем-чем* назорат кардан; **~ за поря́дком** тартибро назорат кардан

наблюда́||ться *несов.* 1. дида шудан, мушоҳида гардидан; **~ется паде́ние температу́ры** паст фуромадани ҳарорат мушоҳида мегардад 2. *страд.* мушоҳида (таҳқиқ) карда шудан

наблюде́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **наблюда́ть**) тамошо кардан(и), нигоҳ кардан(и); мушоҳида, муоина, таҳқиқ; назорат, дидбонӣ; **~е лу́нного затме́ния** мушоҳидаи гирифти (гирифтани) Моҳ; **быть под ~ем врача́** дар зери назорати духтур будан; **взять под ~е** ба зери назорат гирифтан; **возду́шное ~е** дидбонии ҳавоӣ; **систе́мы ~я за состоя́нием окружа́ющей среды́** тартиби назорати ҳолати муҳит 2. мушоҳида; **интере́сное ~е** мушоҳидаи аҷиб

набо́б *м уст.* наввоб, набоб (*1. унвони аъёну ашроф дар Ҳиндустон 2. мустамликачии корчаллони сарватмандшуда*)

на́божность *ж* диндорӣ, тақводорӣ, порсоӣ

на́божный, -ая, -ое (на́бож|ен, -на, -но) диндор, тақводор, порсо

набо́йка *ж* 1. (*по знач. гл.* **наби́ть** 2) зада шинондан(и); **~ о́бруча** зада шинондани чамбарак 2. (*ткань с узором*) матои гулқолиб // (*узор*) нақши матоъ, гули матоъ 3. *сапожн.* зерпошна (*чарм ё резин*); **рези́новая ~** зерпошнаи резинӣ

набо́йник *м тех.* сунба

набо́йный, -ая, -ое 1. *см.* **набо́ечный**; 2. *см.* **набо́йчатый**

набо́йчатый, -ая, -ое *уст. разг.* гулдор

набо́йщик *м* 1. окандагар 2. *текст.* читгар

на́бок *нареч.* яктарафа, якпаҳлу, каҷ, яклаба; **шля́па съе́хала ~** шляпа яктарафа шуд, шляпа ба як тараф ғеҷид

наболе́вший, -ая, -ее 1. *прич.* озурда, дардмандшуда 2. *прил. перен.* зарурӣ, ...и ҳал карданаш зарур, ҳалталаб; **~ вопро́с** масъалаи ҳалталаб

наболе́||ть *сов.* 1. дард кардан, озурда (дардманд) шудан 2. *безл. перен.* реш-реш (афгор) шудан; **на душе́ ~ло** дил афгор шуд

наболта́ть *сов. разг.* 1. *что, чего* бисьёр лаққидан, фаҷулаҷ гуфтан 2. *что на кого-что* бӯҳтон (тӯҳмат) кардан

наболта́ться *сов. разг.* бисьёр лаққидан, лаққида мондан

набо́р *м* 1. (*по знач. гл.* **набра́ть** 2, 3) гирифтан(и), қабул; ҳарфчинӣ, ҳуруфчинӣ; **объяви́ть ~ в худо́жественное учи́лище** ба омузишгоҳи санъати бадеӣ қабули талаба эълон кардан; **ре́крутский ~** *ист.* сарбозгирӣ; **отда́ть ру́копись в ~** дастнависро ба чоп додан 2. даста, маҷмӯъ; **~ кра́сок** маҷмӯи ранг, рангубор; **~ инструме́нтов** як даста асбоб 3. *полигр.* набор (*матни ҳуруфаш чидашуда*); **сло́жный ~** на-

бори мураккаб 4. (*украшение*) пашиза (*дар камарбанд, афзоли асп ва ғ.*); **пояс с серебряным ~ом** камарбанди нуқракуб ◇ ~ **слов** сафсата; **сапоги с ~ом** мӯзаи чинсоқ

наборн||ый, -ая, -ое 1. *полигр.* ...и ҳуруфчинӣ, ...и ҳарфчинӣ, ...и набор; **~ая касса** кассаи ҳуруфчинӣ (*қуттии хоначадор барои ҳарфҳо*); **~ый цех** цехи ҳуруфчинӣ // *в знач. сущ.* **наборная** *ж* хонаи ҳуруфчинӣ 2. ороишьёфта, нуқракуб; **~ая сбруя** афзоли нуқракӯби асп

наборщик *м полигр.* ҳуруфчин

наборщица *женск. к* **наборщик**

набраковать *сов. что, чего разг.* брак кардан, сақат баровардан

набрасывать I *несов. см.* **набросать**

набрасывать II *несов. см.* **набросить**

набрасываться I *несов. см.* **наброситься**

набрасываться II *несов. страд.* андохта (партофта) шудан

набрать *сов.* 1. *что, чего* гирифтан, ҷамъ (ғун) кардан, ғундоштан, чидан; ~ **ягод** мева чидан (ғундоштан) 2. *что, кого-чего* гирифтан, қабул кардан; ~ **учащихся на курсы** ба курс талаба қабул кардан; ~ **заказов** бисьёр супориш гирифтан 3. *что полигр.* ҳуруфчинӣ (ҳарфчинӣ) кардан, ҳарф чидан; ~ **корпусом** ба ҳарфҳои корпус чидан 4. *что* гирифтан; ~ **скорость** суръат гирифтан; ~ **высоту** *ав.* ба авҷи иртифоъ расидан; ~ **темпы в работе** суръати корро баланд кардан ◇ ~ **номер** (*по телефону*) телефон кардан, рақами телефонро гирифтан; **как будто** (**словно, точно**) **воды в рот набрал** даҳон мум кардагӣ барин, ба даҳон талкон гирифтагӣ барин

набраться *сов.* 1. (*1 и 2 л. не употр.*) тӯб (бисьёр) шудан, ҷамъ (ғун) шудан; **набралось много народу** *безл.* одами бисьёр ҷамъ шуд; **у меня набралось много работы** *безл.* корам бисьёр шуд 2. *чего разг.* пайдо кардан; ~ **храбрости** ҷуръат пайдо кардан 3. *чего разг.* аз сар гузарондан, дидан; ~ **страху** сахт тарсидан 4. *чего разг.* (*перенять*) ёд гирифтан; **с кем поведёшься, от того и наберёшься** *посл.* ≈ бо моҳ шинӣ — моҳ шавӣ, бо дег шинӣ — сиёҳ шавӣ 5. *чего разг.* (*напастись*) ёфтан, гирифтан 6. *прост.* (*напиться пьяным*) сахт маст шудан ◇ ~ **духу** азм кардан, ҷуръат кардан; ~ **ума** (**разума**) оқил шудан, ақл пайдо кардан, ба ақл даромадан

набредать *несов. см.* **набрести**

набрести *сов. разг.* 1. *на кого-что* рост омадан, вохӯрдан; рафта истода дида мондан; ~ **на чей-л. след** рафта истода паи касеро (чизеро) дида мондан; ~ **в толпе на знакомого** дар байни издиҳом ба шиноси худ вохурдан 2. *на что перен.* ногоҳ ёфтан; ~ **на удачную мысль** ногоҳ ба фикри нағз омадан 3. *чаще безл.* омадан; якта-якта ҷамъ шудан; **набрело много народу** мардуми бисьёре омаданд

набрехать *сов. прост. что, чего и без доп.* дурӯғи бисьёр гуфтан, бисьёр дурӯғ гуфтан

набродиться *сов. разг.* хуб давр зада гаштан; аз даврзанӣ шалпар шудан. аз гаштан монда шудан

набросать *сов* 1. *что, чего* партофтан, андохтан, ҳаво додан; андохта пур кардан; ~ **камней** санг партофтан; ~ **бумажек на пол** коғазпораҳоро ба рӯи фарш партофтан 2. *что* кашидан; ~ **план дома** тарҳи хонаро кашидан 3. *что* мухтасар навиштан; ~ **конспект лекции** конспекти лекцияро мухтасар навиштан // *перен.* тасвир кардан, нишон додан; **оратор ярко набросал картину будущего** нотиқ манзараи ояндаро равшан тасвир кард

набросить *сов. что* андохтан, партофтан; ~ **платок на плечи** рӯймолро ба китф партофтан ◇ ~ **покров** *на что* бо парда пушондан; ~ **тень** 1) **на что-л.** чизеро тира (хира, муғлак) кардан 2) **на кого-что-л.** касеро, чизеро доғдор (бадном) кардан, касеро, чизеро наҳ задан

наброситься *сов.* 1. *на кого-что* хез зада ҳуҷум (ҳамла) кардан, дарафтидан; **кошка набросилась на мышь** гурба ба муш ҳамла кард 2. *на что разг.* часпидан; ~ **на еду** ба хӯрок часпидан; ~ **на книги** ба китоб часпидан 3. *на кого-что разг.* часпидан, дарафтидан; ~ **с бранью на кого-л.** ба касе бо ҳақорат дарафтидан, касеро дашном додан

набросок *м* 1. қайдҳои хомакӣ, лоиҳаи (таҳрири) аввалин, мусаввада; ~ **речи** лоиҳаи аввалини нутк 2. ангора

набрызгать *сов. что, чего, чем и без доп.* пошидан, чошида тар кардан, пошида олуда кардан; ~ **на пол воды** ба рӯи фарш об пошидан

набрызгивать *несов. см.* **набрызгать**

набрюшник *м* шикамбанд

набрюшный, -ая, -ое рӯишикамӣ, ...и руи шикам; ~ **жировой слой** қабати равғанбастаи рӯи шикам

набряк||нуть *сов. разг.* 1. тоб партофтан; дамидан (*аз нами*); **дверь ~ла от сырости** дар аз нами тоб партофт 2. варамидан, варам кардан; **веки ~ли от бессонной ночи** пилкҳои чашм аз шабзиндадорӣ варамиданд

набурить *сов. что, чего* бисьёр парма кардан

набутить *сов. что стр.* сангкорӣ кардан

набухание *с* (*по знач. гл.* **набухнуть**) тоб партофтан(и); варамидан(и), варам кардан(и); буғӯзак шудан(и)

набухать *сов. что, чего прост.* бисьёр рехтан (партофтан), лаболаб (пур, лабрез) кардан

набухать *несов. см.* **набухнуть**

набух||нуть *сов.* 1. тоб партофтан (*аз намӣ*); **рамы ~ли от сырости** чорчубаҳо аз намӣ тоб партофтанд 2. варамидан, варам кардан 3. буғӯзак шудан; **на деревьях ~ли почки** муғчаҳои дарахтон буғӯзак шуданд

набучивать I *несов. см.* **набутить**

набучивать II *несов. см.* **набучить**

набучить *сов. что* (*намочить в щёлоке*) дар ишқороб ҷӯшондан

набуянить *сов. разг.* ҷанҷол (тӯполанг, шурапуштӣ) кардан

набычиться *сов. прост.* қавоқ андохта нигоҳ кардан

навага *ж зоол.* симмоҳӣ

наваждение *с* васваса; **что за ~!** ин чӣ васваса!; **дьявольское** (**бесовское**) ~ васвасаи шайтон

наваксить *сов. что* вакса задан (молидан), равған задан

навал *м* 1. (*по знач. гл.* **навалить** 1, 2) гузоштан(и), бор кардан(и); тӯда (туб) кардан(и); (*по знач. гл.* **навалиться** 1) зер (пахш) кардан(и); бор шудан(и) 2. (*груда, куча*) туда, туб 3. *в знач. нареч.* **навалом** чошу пош, болоиҳам; туда-тӯда, тӯб шуда; **вещи были брошены ~ом** чизҳо болоиҳам партофта шуда буданд 4. *в знач. сказ. безл. прост.* **навалом** бисьёр; **у него денег ~ом** пулаш ҷудо бисьёр

наваливание *см.* **навал** 1

наваливать I *несов. см.* **навалить**

наваливать II *несов. см.* **навалять**

наваливаться I *несов.* 1. *см.* **навалиться**; 2. *страд.* гузошта шудан, бор карда шудан

наваливаться II *несов. страд.* молида шудан

навали||ть *сов.* 1. *на что* болоиҳам мондан (гузоштан, бор кардан); **~ть один мешок на другой** халтаҳоро болоиҳам мондан 2. *что, чего* тӯда (тӯб) кардан, андохта туб кардан; **~ть в сарай дров** ба ҳезумхона ҳезум тӯда кардан 3. *чаще безл. что, чего разг.* ҷамъ шудан, туб шудан; **~ло много снегу** барфи бисьёр зад 4. *безл. кого-чего перен.* ҷамъ омадан, ҷамъ шудан; **~ло много народу** мардуми бисьёр ҷамъ омад

навалиться *сов. на кого-что* 1. зер (пахш) кардан; бор шудан; ~ **грудью** бо сари сина зер кардан 2. *перен.* дарафтидан, якбора часпидан

навалк||а *ж* (*по знач. гл.* **навалить** 1) гузориш, бор кардан(и) ◇ **в ~у** чошу пош, болоиҳам; **перевозить груз в ~у** борро болоиҳам чида кашондан

навалоотбойщик *м* кончӣ

навалочн||ый, -ая, -ое боркунанда; **~ые машины в шахтах** мошинҳои боркунанда дар шахтаҳо // чошу пош, болоиҳам; **~ый способ перевозки** тарзи болоиҳам чида кашондани бор

навалять *сов. что, чего* молида тайёр кардан

навар *м* 1. равғани [рӯи] шурбо 2. *прост.* фоида, даромад

навариванне *с см.* **наварка** 1

наваривать *несов. см.* **наварить**

навариваться *несов. страд.* пухта шудан; пайванд карда шудан

наваристый, -ая, -ое (наварист, -а, -о) серравған, равғанин; ~ **суп** шӯрбои серравған

навари́ть *сов.* 1. *что, чего* пухтан, пухта тайёр кардан; ~ **щей** карамшӯрбо пухтан 2. *что тех.* бо кафшер пайванд кардан, кафшер кардан; ~ **ось** тирро кафшер кардан

нава́рка *ж* (*по знач. гл.* **навари́ть** 2) кафшер кардан(и); ~ **оси** тирро кафшер кардан(и)

наварн||о́й, -а́я, -о́е *тех.* кафшери (*дар бораи чизҳои металлӣ*); ~**а́я ось** тири кафшерӣ

нава́рный, -ая, -ое (нава́р|ен, -на, -но) *разг. см.* **нава́ристый**

нава́стривать *несов. см.* **навостри́ть**

нава́ха *ж* наваха (*корди испании дарози қатшаванда*)

нава́щивать *несов. см.* **навощи́ть**

навева́ть *несов. см.* **наве́ять** 1, 2

наве́даться *сов. разг.* хабар гирифтан, ба пеши *касе* рафтан; ~ **к дру́гу** ба пеши дуст рафтан

наведе́ние *с* (*по знач. гл.* **навести́**) бурдарасонӣ; овардан(и); рост кардан(и); сохтан(и)

наве́дываться *несов. см.* **наве́даться**

навезти́ *сов. кого-чего, что* кашондан, кашонда овардан, оварда ҷамъ кардан; ~ **това́ров** бисьёр мол овардан

наве́ивать *несов. см.* **наве́ять** 3

наве́к, наве́ки *нареч.* абадан, абадулобод, то абад, доимӣ

навербова́ть *сов. кого-что* одам гирифтан (*ба коре*); ~ **рабо́чих** коргар гирифтан

навербо́вывать *несов. см.* **навербова́ть**

наве́рно *нареч.* 1. *уст.* албатта, яқин, яқинан, бешубҳа, муқаррар 2. *в знач. вводн. сл.* эҳтимол, шояд; ~, **так и бу́дет** шояд, ҳамин хел ҳам шавад

наве́рное *нареч. см.* **наве́рно**

наверну́ть *сов.* 1. *что на что* (*намотать*) печондан, тубча кардан 2. *что на что разг.* тоб дода даровардан, печ додан, тофтан; ~ **га́йку на болт** гайкаро ба болт тоб дода даровардан 3. *что, чего прост.* (*съесть*) хӯрдан, задан; ~ **хле́ба** хуб нон хӯрдан

наверну́||ться *сов.* 1. (*намотаться*) печидан, тубча шудан 2. тоб (печ) хӯрдан; **га́йка ~лась на болт** мурват ба болт тоб хӯрд 3. (*о слезах*) пайдо шудан, чарх задан; **на глаза́ ~лись слёзы** дар чашмон об чарх зад

наверняка́ *нареч. разг.* 1. албатта, яқин, яқинан, бешубҳа; **он прие́дет** ~ у албатта меояд 2. бехато, бо эътимоди тамом; **де́йствовать** ~ бо эътимоди тамом амал кардан; **бить** ~ бехато задан

навереста́ть I *сов. что и без доп.* қусури чизеро баровардан, камии чизеро пур кардан; дарьёфт кардан; ~ **упу́щенное вре́мя** қусури вақтро баровардан

навереста́ть II *сов. что, чего полигр.* саҳифа бастан

навёрстывать I, II *несов. см.* **навереста́ть** I, II

наверте́ть *сов.* 1. *что на что* (*намотать*) печондан, тӯбча кардан 2. *что, чего* парма кардан; ~ **отве́рстий** бо парма сурох кардан

навёртка *ж* 1. (*по знач. гл.* **наверте́ть** 1 *и* **наверну́ть** 2) печондан(и), тубча кардан(и); тоб додан(и), тофтан(и) 2. (*буравчик*) пармача

навёртывать *несов. см.* **наверте́ть** 1 *и* **наверну́ть** 2

навёртываться *несов.* 1. *см.* **наверну́ться**; 2. *страд.* тоб дода шудан, тофта шудан

наве́рх *нареч.* ба боло; **положи́ть чемода́н** ~ ҷомадонро ба боло гузоштан; **подня́ться** ~ ба боло баромадан; **взгляну́ть** ~ ба боло нигоҳ кардан; **все** ~! *мор.* ҳама боло бароянд!

наверху́ *нареч.* боло, дар боло, дар баландӣ; **он живёт** ~ ӯ дар боло зиндагӣ мекунад

навёрчивать *несов. см.* **наверте́ть** 2

наве́с *м* 1. (*крыша, кровля*) айвон, шипанг, пешайвон, соябон 2. (*нависающая часть чего-л.*) овеза, қамар, лабгуша; ~ **скалы́** камари харсанг

навеселе́ *нареч. разг.* ширамаст, ширакайф, сархуш; **быть** ~ ширамаст (ширакайф) будан

наве́сить *сов. что* 1. овехтан, часпондан 2. овезон кардан, овехтан, шинондан; ~ **ста́вни** даричаи тирезаро шинондан; ~ **дверь** дар шинондан

наве́ска *ж* 1. (*по знач. гл.* **наве́сить**) овезон кардан(и), часпондан(и); ~ **две́ри на пе́тли** ба ошиқ-маъшуқ часпондани дар 2. (*петля*) ошиқ-маъшуқ

навесн||о́й, -а́я, -о́е овезон, овехта мешудагӣ, ошиқ-маъшуқдор; ~**а́я дверь** дари ошиқ-маъшуқдор

навести́ *сов.* 1. *кого-что на что* бурда расондан, оварда расондан, гирифта бурдан; ~ **на след** ба пай бурда расондан, пайро ёфта додан 2. *кого-что на что перен.* овардан, андохтан; ~ **на мысль** ба фикре овардан; ~ **на подозре́ние** ба шубҳа андохтан 3. *что на кого-что* рост кардан, нишон гирифтан; ~ **ору́дие** тупро рост кардан; ~ **телеско́п на луну́** телескопро ба Моҳ рост кардан 4. *что* тобиш (пардоз, ҷило) додан; ~ **гля́нец** пардоз додан 5. *что* сохтан, бастан; ~ **мост** пул (кӯпрук) сохтан 6. *что перен. разг.* кардан, кунондан; ~ **тоску́** ғамгин (хафа) кунондан; ~ **страх** ба воҳима андохтан, тарсонидан 7. *кого-что разг.* овардан; ~ **це́лый дом госте́й** як хона меҳмон овардан ◇ ~ **кри́тику** *на кого-что прост.* ба зери танқид гирифтан, танқид кардан; ~ **поря́док** тартиб ҷорӣ кардан; ~ **спра́вку (спра́вки)** маълумот гирифтан; пурсуҷӯй кардан; ~ **тень на плете́нь (на я́сный день)** *прост.* корро қасдан печ дар печ (чаток, чигил) кардан

навести́ть *сов. кого-что* барои дидан рафтан; меҳмон шудан; ~ **больно́го** ба аёдати бемор рафтан; ~ **друзе́й** ба назди дӯстон меҳмон шудан

наве́т *м уст.* туҳмат, буҳтон; **злы́е** ~**ы** буҳтонҳои бадқасдона; ~**ы враго́в** туҳматҳои душманон

наве́тренн||ый, -ая, -ое шамолрас, шамолдаро; ~**ая сторона́** тарафи шамолрас

наве́тчик *м уст.* туҳматгар, туҳматчӣ, буҳтонгӯй

наве́чно *нареч.* абадӣ, ҳамешагӣ, умрбод; **запреще́ние** ~ **примене́ния я́дерного ору́жия** манъи абадии истифодаи аслиҳаи ядроӣ

наве́шать I *сов. что, чего* овехтан, овезон кардан; ~ **мно́го карти́н** сурати бисьёре овехтан

наве́шать II *сов. что, чего* баркашида мондан; ~ **муки́** орд баркашида мондан

наве́шивать I *несов. см.* **наве́сить** *и* **наве́шать** I

наве́шивать II *несов. см.* **наве́шать** II

навеща́ть *несов. см.* **навести́ть**

наве́я||ть *сов.* 1. *что* (*о ветре*) вазида овардан; **ве́тер** ~**л прохла́ду** шамол салқинӣ овард 2. *что перен.* талқин кардан, бахшидан, овардан; **моното́нное чте́ние** ~**ло на меня́ сон** хониши якхела маро хоб овард 3. *что, чего с.-х.* бод додан, бод кардан; ~**ть мно́го пшени́цы** гандуми бисьёреро бод кардан

на́взничь *нареч.* пуштнокӣ, ба пушт, ақибнокӣ; **лежа́ть** ~ ба пушт хобидан; **упа́сть** ~ пуштнокӣ афтидан

навзры́д *нареч.*: **пла́кать** ~ ҳой-ҳой гиристан, зор-зор гирья кардан

навива́ть *несов. см.* **нави́ть**

навива́ться *несов.* 1. *см.* **нави́ться**; 2. *страд.* печонда шудан; тофта шудан

нави́вка *ж* (*по знач. гл.* **нави́ть**) печондан(и); бофтан(и), тофтан(и)

навига́тор *м* навигатор, киштирон

навигацио́нн||ый, -ая, -ое ...и навигация, навигационӣ, ...и киштиронӣ; ~**ый сезо́н** мавсими киштиронӣ; ~**ая ка́рта** харитаи навигационӣ; **назе́мное и бортово́е** ~**ое обору́дование** таҷҳизоти сокин ва сайёри киштиронӣ

навига́ци||я *ж* 1. (*судоходство*) навигация, киштигардӣ, дарьёгардӣ, дарьёнавардӣ; **откры́ть** ~**ю** киштиронӣро сар кардан // (*время судоходства*) мавсими киштигардӣ 2. (*наука*) навигация, илми киштиронӣ

навида́ться *сов. чего разг.* хуб тамошо кардан, аз тамошо сер шудан, бисьёр дидан; ~ **ра́зных дико́вин** ҳар гуна аҷоибу ғароиботро бисьёр дидан

навинти́ть *сов. что на что* тофтан, тоб (печ) додан; ~ **га́йку на болт** мурватро ба болт тофтан

навинти́||ться *сов.* тоб (печ) хӯрдан, тофта шудан; **га́йка легко́** ~**лась** мурват ба осонӣ тофта дароварда шуд

нави́нчивать *несов. см.* **навинти́ть**

нави́нчиваться *несов.* 1. *см.* **навинти́ться**; 2. *страд.* тофта дароварда шудан, тоб дода дароварда шудан

на́вис *м* (*хвост и грива у лошади*) думу ёли асп

нависа́ть *несов. см.* **нави́снуть**

нави́сл||ый, -ая, -ое *разг.* овезон; ~**ые ска́лы** харсангҳои овезон

нави́с||нуть *сов.* 1. овезон будан (шудан); **ту́чи** ~**ли над го́родом** абрҳо

болои шаҳр муаллақ шуданд 2. *перен.* наздик шудан, таҳдид кардан; ба мнён омадан, ба сар омадан; ~**ла опасность** хатар ба миён омад

навйсший, -ая, -ее *прич., прил.* овезон

навить *сов. что, чего* 1. печондан; ~ **нитки на катушку** ба ғалтак ресмон печондан 2. бофтан, тофтан; ~ **канатов** арғамчини бисьёре тофтан 3. *прост.* тофтан; ~ **кудри** мўйро тофта чингила кардан 4. *обл. (наложить вилами)* бор кардан; ~ **сено на воз** хасбедаро ба ароба бор кардан

нави||ться *сов.* печидан, печонда шудан; **нитки неровно** ~**лись на катушку** ресмон ба ғалтак ноҳамвор печидааст

навлекать *несов. см.* **навлечь**

навлечь *сов. что* овардан, ба вуҷуд овардан, пайдо кунондан; ~ **на себя подозрение** аз худ гумонбар кунондан; ~ **на себя чей-л. гнев** ба ғазаби касе гирифтор шудан

наводить *несов. см.* **навести**

наводиться *несов. страд.* нишон гирифта шудан; тобиш дода шудан; сохта шудан

наводк||а *ж (по знач. гл.* **навести** 3—5) рост кардан(и), нишонгирӣ; тобиш (пардоз, чило) додан(и); сохтан(и), бастан(и); ~**а орудий** тўпро ба нишон рост кардан(и); **бить прямой** ~**ой** рост нишон гирифта тир паррондан; ~**а глянца** тобишдиҳӣ, чилодиҳӣ; ~**а моста** кўпруксозӣ, пулбандӣ

наводнени||е *с* 1. обхезӣ, тўфони об, туғьёни об; **предотвращение** ~**й** пешгирии офати обхезӣ 2. *(по знач. гл.* **наводнить** 2) пур кардан(и), сероб кардан(и)

наводнить *сов. что* 1. *уст. (затопить водой)* об зер кардан 2. *кем-чем перен.* пур (сероб) кардан; ~ **рынок товарами** бозорро аз мол пур кардан

наводниться *сов.* 1. *уст.* бо об пур шудан, ба таги об мондан 2. *кем-чем перен.* пур (сероб, саршор) шудан

наводной, -ая, -ое: ~ **мост** кўпруки муваққатӣ

наводнять *несов. см.* **наводнить**

наводняться *несов.* 1. *см.* **наводниться;** 2. *страд.* пур карда шудан

наводчик *м* 1. *воен.* нишонгир 2.: ~ **зеркал** устои сирдиҳандаи оина; ~ **мостов** кўпруксоз, пулсоз

наводящий, -ая, -ее 1. *прич.* равонакунанда, росткунанда 2. *прил.* ёридиҳанда, нишондиҳанда; ~ **вопрос** саволи ёридиҳанда

навоеваться *сов. разг.* хеле ҷанг кардан, ҷанг карда шудан; аз ҷанг сер шудан

навоз *м* пору, саргин; **удобрить поля** ~**ом** ба киштзор пору андохтан

навозить *несов. что* пору (нурӣ, саргин) андохтан; ~ **землю** ба замин пору андохтан

навозить I *несов. см.* **навезти**

навозить II *сов. что, чего разг.* кашондан, кашонда овардан; кашонда захира кардан; ~ **сена** бисьёр хасбеда кашондан; ~ **дров на зиму** барои зимистон ҳезум кашонда захира кардан

навозиться *сов. разг.* бисьёр овора шудан, хеле саргардон шудан; ~ **с трудным заданием** барои иҷрои супориши мушкил бисьёр овора шудан

навозник *м* 1. *(жук)* гамбуски поруғелон 2. *обл. (ящик для навоза)* қуттии ахлот, қуттии ахлотрезӣ

навозн||ый, -ая, -ое 1. ...и пору, ...и саргин; ~**ый запах** буи пору; ~**ая куча** тўдаи пору 2. ...и порукашонӣ, ...и порубардорӣ; ~**ые вилы** панҷшохан порубардорӣ; ~**ая телега** аробаи порукаш 3. пору андохташуда; ~**ое поле** замини пору андохташуда

навозохранилище *с* порухона

наво||й *м* 1. *(по знач. гл.* **навить** 1, 3) печондан(и); тофтан(и) 2. чизи печондашуда; чизи тофташуда, =печ; **струна с медным** ~**ем** тори миспеч 3. *текст.* наварди торпечонӣ; **ткацкий** ~**й** наварди бофандагӣ

навойный, -ая, -ое *текст.* ...и торпечонӣ; ~ **вал** наварди торпечонӣ

наволакивать *несов. см.* **наволочь**

наволок *м обл. (заливной луг)* дарьёбод

наволока *ж разг. см.* **наволочка**

наволочка *ж* ҷилди болишт

наволочн||ый, -ая, -ое ...и ҷилди болишт; ~**ые прошивки** бахиян ҷилди болишт

наволочь *сов. разг.* 1. *что, чего* овардан, кашондан, кашонда овардан 2. *безл. чего и без доп. (о тучах, тумане)* пайдо шудан, омадан, ҷамъ шудан *(абр, туман)*

навонять *сов. чем и без доп. прост.* бўй гирондан, бўй баровардан

навораживать *несов. см.* **наворожить**

наворачивать *несов.* 1. *см.* **наворотить;** 2. *что разг. (накручивать)* тофтан, тоб додан 3. *что прост. (есть с аппетитом)* дулунча задан

наворачиваться *несов. разг.* 1. *(накручиваться)* тоб дода шудан, печонда шудан, тоб хўрдан, печ хўрдан 2. *страд.* тофта шудан, тоб дода шудан

наворовать *сов. что, чего* дуздидан, бисьёр дуздидан

наворовывать *несов. см.* **наворовать**

наворожить *сов. что, чего разг.* фол дидан, фол кушодан; пешгўӣ кардан

наворотить *сов. что, чего разг.* 1. тўб (тўда) кардан; дўлоб кардан; ~ **кучу камней** як тўда санг ғун кардан 2. *перен.* лаққидан, росту дурўғ гуфтан

наворочать *сов. что, чего прост.* тўб (туда) кардан; ~ **груду камней** як туда санг ғундоштан

наворошить *сов. что, чего разг.* тит кардан, титу парешон кардан, титупит (такурў) кардан; гардондан; ~ **сена** хасбедаро такурў кардан

наворчать *сов. на кого-что разг.* ғур-ғур (ғурунг-ғурунг) кардан

наворчаться *сов. разг.* бисьёр ғур-ғур кардан

навострить *сов. что прост.* тарошида тез кардан ◇ ~ **глаза (глазки)** *на кого-что прост.* чашм дўхтан; ~ **лыжи** *прост.* рафтанӣ (гурехтанӣ) шудан; ~ **уши (слух)** 1) бо диққат гўш додан 2) *(о животных)* гўш сих кардан

навостриться *сов. прост. (наловчиться)* ёд гирифтан, омўхтан, усто шудан

навощить *сов. что* мум задан, мумолуд кардан, бо мум пардоз кардан

наврать *сов. разг.* 1. *что, чего и без доп.* дурўғ гуфтан, бисьёр дурўғ гуфтан 2. *на кого-что (наклеветать)* тўҳмат задан, бўҳтон кардан 3. *в чём* саҳв (хато, ғалат) кардан; ~ **в расчётах** дар ҳисоб хато кардан

навредить *сов. кому-чему разг.* зарар (зиён) расондан, бадӣ кардан

навряд *уст. см.* **навряд ли**

навряд ли *частица разг.* гумон аст, шубҳанок аст; ~ **он придёт сегодня** имрўз омаданн ў гумон аст

навсегда *нареч.* ҳамешагӣ, ба таври доимӣ, абадӣ, якумрӣ; ~ **покончить** *с чем* абадан бартараф кардан ◇ **раз [и]** ~ 1) барои ҳамеша, абадӣ 2) қатъиян; дафъаи аввалу охир

навскидку *нареч. охот., воен.:* **стрелять** ~ ярокро якбора бардошта тир андохтан

навстречу *нареч.* аз рў ба рў, аз пеш, муқобил; **побежать** ~ аз рў ба рў давидан; **попасться** ~ рў ба рў шудан (омадан) // *в знач. предлога с дат.* ба пешвози...; **выйти** ~ **гостям** ба пешвози меҳмонон баромадан ◇ **идти** ~ 1) *кому-чему* тарафдорӣ кардан, ёрӣ расондан 2) *чему* тезондан, наздик овардан; **идти** ~ **своей гибели** ҳалокати худро тезондан

навыворот *нареч. разг.* 1. чаппа; **надеть рубашку** ~ куртаро чаппа пўшидан 2. баръакс; **всё получилось** ~ ҳама кор баръакс шуд ◇ **шиворот-**~ 1) *(в обратном порядке)* чаппаю роста, поскуно-роскуно 2) *(не так, как полагается)* дарҳам-барҳам

навык *м* малака, одат; **трудовые** ~**и** малакаҳои меҳнатӣ; **приобрести** ~**и** малака пайдо кардан

навыкат, навыкате *нареч.:* **глаза** ~ шоҳкосачашм, чашмҳои ҷаста баромадагӣ

навылет *нареч.* 1. вогузар, зада гузашта; **он ранен пулей** ~ вай тири вогузар хўрд 2. бохтхез *(дар бозӣ)*; **играть** ~ бохтхез бозӣ кардан

навырез *нареч.* чақмоқ занонда; чақмоқ карда; **купить арбуз** ~ тарбузро чақмоқ карда харидан

навытяжку *нареч.:* **стоять** ~ қомат рост карда истодан, рост истодан

навьючивание *с (по знач. гл.* **навьючить)** бор кардан(и)

навьючивать *несов. см.* **навьючить**

навьючиваться *несов.* 1. *см.* **навьючиться;** 2. *страд.* бор карда шудан

навьючить *сов. кого-что* бор кардан; ~ **верблюда** ба шутур бор кардан

навьючиться *сов. чем прост.* ба худ бор кардан

навязать I *сов.* 1. *что* бастан, печонда бастан, печонда маҳкам кардан; ~ **лёску на удилище** ресмонро ба чуби шаст бастан 2. *что, чего* бофтан, бофта тайёр кардан; ~ **чулок** ҷуроби бисьёре бофтан 3. *кого-что кому-чему перен.* бо зурӣ бор кардан, зуран ба гардан мондан; ~ **кому-л. своё мнение** ақидаи худро ба касе бо зурӣ талқин кардан

навязать II *несов. см.* **навязнуть**

навязаться *сов. кому-чему разг.* шилқинӣ кардан, часпидан, шумшукӣ кардан; ~ **в гости** бо зурӣ меҳмон шудан ◇ **навязался ты на мою голову!** ту ба ман дарди сар шудӣ!

навязка *ж* (*по знач. гл.* **навязать** I 1) бастан(и), печонда маҳкам кардан(и); ~ **лёски на удилище** бастани ресмон ба чуби шаст

навяз||нуть *сов.* дармондан, банд шуда мондан ◇ **в зубах ~ло** *у кого прост.* ба дил зад, ба ҷон расид, ҷудо дилбазан шуд

навязчиво *нареч.* безоркунон, дилбазанон

навязчивость *ж* 1. шилқинӣ, безоркунандагӣ, безоркунанда будан(и); **извините меня за ~!** барои шилқин шуданам маро бубахшед! 2. *перен.* савдоият; ~ **мысли** савдоият

навязчив||ый, -ая, -ое 1. (навязчив, -а, -о) шилқин, безоркунанда; **~ый человек** одами шилқин 2. *перен.* дурнашаванда, аз хотир нараванда; **~ая идея** савдо; **~ая мелодия** оҳанги аз гуш дурнашаванда, оҳанги аз хотир нараванда

навязывание *с* (*по знач. гл.* **навязать** I) бастан(и), печонда маҳкам кардан(и); бо зӯрӣ бор кардан(и)

навязывать *несов. см.* **навязать** I

навязываться *несов.* 1. *см.* **навязаться**; 2. *страд.* баста шудан; бофта шудан

навяливать *несов. см.* **навялить**

навялить *сов. что, чего* хушконида (қоқ карда) тайёр кардан; ~ **много рыбы** моҳии бисьёреро қоқ кардан

нагадать *сов. что, чего разг.* фол дида гуфтан; пешгуӣ кардан

нагадить *сов.* 1. (*о животных*) мурдор (ифлос) кардан, олондан, наҷас кардан 2. *груб.* (*навредить*) зарар расондан, расво кардан, халал расондан

нагаечн||ый, -ая, -ое ...и қамчин, ...и тозиёна; **~ый ремень** тасмаи қамчин; **~ая рукоятка** дастаи қамчин

нагайка *ж* қамчин, тозиёна

наган *м* наган (*навъи таппонча*)

нагайный, -ая, -ое ...и наган

нагар *м* гул, сухта; ~ **на свече** гули шамъ

нагарн||ый, -ая, -ое ...и гул, ...и сӯхта; **~ые щипцы** гулгирак

нагатить *сов. что, чего* чубу шох партофта фарш кардан, шохпуш кардан; ~ **сто метров болотистой дороги** ба сад метр роҳи ботлоқзор чӯбу шох партофта фарш кардан

нагачивать *несов. см.* **нагатить**

нагель *м* мехи чубин, мехи оҳанин

нагибать *несов. см.* **нагнуть**

нагибаться *несов.* 1. *см* **нагнуться**; 2. *страд.* хам карда шудан

нагишом *нареч. разг.* луч, бараҳна, урьён

нагладить *сов. разг.* 1. *что* нағз уттӣ (дарзмол) кардан; ~ **платье** куртаро нағз уттӣ кардан 2. *что, чего* уттӣ (дарзмол) кардан; ~ **белья** либосҳоро дарзмол кардан

наглаживать *несов. см.* **нагладить**

наглаживаться *несов. страд.* уттӣ карда шудан

наглазник *м* 1. чашмбанд, чашмбандак 2. чашмпӯшаки асп; ~ **для пугливой лошади** чашмпушаки аспи раманда

наглазн||ый, -ая, -ое ...и чашм (*барои муҳофиза*); **~ая сетка** тури чашм

наглеть *несов.* беҳаётар (бешармтар) шудан, ба рӯй пустак кашидан, беруй шудан

наглец *м* беҳаё, бешарм, беруй

наглец||а *ж·* с **~ой** *разг.* беҳаёнамо, бешармнамо, беруйнамо

нагло *нареч.* беҳаёёна, бешармона, густохона

наглость *ж* беҳаёӣ, бешармӣ, беруӣ, рафтори бешармона

наглотаться *сов. чего* бисьёр хурдан (фуру бурдан); ~ **воды** оби бисьёре хурдан; ~ **пыли** чанги бисьёре фуру бурдан

наглупить *сов. разг.* беақлӣ (аблаҳӣ) кардан, беақлона рафтор кардан

наглухо *нареч.* маҳкам, зич, сахт; **забить дверь ~** дарро мехкӯб кардан ◇ ~ **застегнуться** тамоми тугмаҳоро гузарондан

наглушить *сов. что, кого-чего разг.* бо садои таркиш гаранг карда гирифтан (сайд кардан); ~ **рыбы** моҳиёнро бо садои таркиш гаранг карда гирифтан

нагл||ый, -ая, -ое (нагл, -а, -о) беҳаё(ёна), бешарм(она), берӯ(ёна), густох(она); **~ый человек** одами беҳаё; **~ое поведение** рафтори бешармона; **~ая ложь** дуруғи маҳз

нагля||деться *сов.* 1. *кого-чего и без доп.* бисьёр дидан, тамошо кардан; **он многого ~делся за свою жизнь** у дар умраш бисьёр чизҳоро дидааст 2. *на кого-что и без доп.* аз дидан (аз дидор) сер шудан; **гляжу — не ~жусь** аз дидан сер намешавам

наглядно *нареч.* равшан, возеҳ, ба таври возеҳ, ошкор

наглядность *ж* 1. намоёнӣ, равшанӣ, возеҳӣ, аён будан(и); ~ **примера** возеҳии мисол 2. (*принцип обучения*) аёнӣ, аёния

наглядн||ый, -ая, -ое (нагляд|ен, -на, -но) 1. намоён, равшан, возеҳ, аён; **~ое доказательство** далели равшан 2. *тк. полн. ф.* аён, аёнӣ; **~ый метод обучения** усули аёнии таълим; **~ые пособия** асбобҳои аёнӣ

нагнаивать(ся) *несов. см.* **нагноить(ся)**

нагнать *сов.* 1. *кого-что* расидан, баробар шудан; ~ **поезд** бо поезд баробар шудан 2. *что разг.* пур кардан, қусури *чизеро* баровардан; ~ **упущенное время** қусури вақтро баровардан 3. *что разг.* сарфа (сарфаҷуӣ) кардан; **шофёр нагнал двадцать минут** шофёр бист дақиқа сарфа кард 4. *что, кого-чего* ронда овардан, ҳай карда овардан; **на базар нагнали много скота** ба бозор моли бисьёреро ҳай карда овардаид 5. *что, чего разг.* баланд (зиёд) кунондан; ~ **температуру** ҳароратро баланд кунондан; ~ **пару** буғро зиёд кунондан; ~ **цену** нархро зиёд (баланд) кардан 6. *что, чего перен.* ба ҳолате андохтан (овардан); ~ **скуку** дилгир кунондан; ~ **страху** ба воҳима андохтан; ~ **сон** хоб оварондан 7. *что, чего* кашидан, кашида тайёр кардан; ~ **смолы** қатрон кашидан; ~ **спирту** спирт кашидан

нагнести *сов. см.* **нагнетать**

нагнёт *м вет.* яғир

нагнетание *с* (*по знач. гл.* **нагнетать**) фишурдан(и), таҳти фишор даровардан(и); ~ **воды** фишурдани об

нагнетатель *м* фишордиҳанда, компрессор

нагнетательн||ый, -ая, -ое ...и фишор, ...и фишордиҳӣ, фишордиҳанда; **~ый насос** насоси фишор; **~ая станция** станцияи фишор

нагнетать *несов. что* фишурдан, таҳти фишор даровардан (рондан); ~ **воздух** ҳаворо таҳти фишор даровардан; ~ **жидкость** моеъро таҳти фишор рондан ◇ ~ **давление** фишорро фузунондан

нагнетаться *несов. страд.* таҳти фишор даровадра шудан

нагноение *с* мадда, яраи (захми) фасоднок

нагноить *сов. что, чего* пусондан

нагно||иться *сов.* чирк (мадда, фасод) кардан; **рана ~лась** ҷароҳат мадда кард

нагнуть *сов. кого-что* хам (қаҷ) кардан; ~ **голову** сарро хам кардан; ~ **ветку** навдаро хам кардан

нагнуться *сов.* хам (қат) шудан

наговаривать *несов. см.* **наговорить**

наговор *м* 1. (*клевета*) тӯҳмат, буҳтон 2. (*заклинание*) куфу суф кардан(и), дамандозӣ, дуохонӣ

наговорить *сов.* 1. *что, чего* бисьёр гап задан, лаққидан; ~ **разной чепухи** ҳар гуна гапҳои бемаза задан, сафсатагуӣ кардан 2. *на кого-что разг.* тӯҳмат (буҳтон) задан 3. *что* (*произнести заклинания*) куфу суф кардан, дам андохтан, дуо хондан 4. *что* гуфтан, сабт кунондан (нависондан); ~ **письмо на пластинку** мактубро ба қарта нависондан; ~ **пластинку** ба қарта сабт кунондан (нависондан)

наговор||иться *сов. разг.* хуб гап задан, ба майли хотир гап задан, гап зада сер шудан; **друзья вдоволь ~ились при встрече** дустон вақти мулоқот хуб гап зада гирифтанд

наговóрный, -ая, -ое куфу суф кардашуда, дам андохташуда, дуо хондашуда

наговóрщик *м уст.* тухматгар

наг||óй, -ая, -óе (наг, -а, -о) 1. барахна, луч, урьён 2. *перен.* бебарг; бедолу дарахт, хомун; **~и́е дерéвья** дарахтони бебарг; **~и́е холмы́** теппахои хомун 3. *перен.* беобу ранг, бепардоз; **~áя и́стина** хакикати беобу ранг

наголéнн||ый, -ая, -ое ...и соқпуш; **~ая повя́зка** бандинаи соқпуш

нáголó *нареч.* луч, барахна; **остри́чь гóлову ~** муи сарро тамоман тарошидан ◇ **с шáшками наголó** бо шамшерхои барахна

нáголову *нареч.*: **разби́ть ~** торумор кардан, хоку туроб кардан, ба замин яксон кардан

наголодáться *сов. разг.* хеле гуруснагӣ кашидан, аз гуруснагӣ азоб кашидан

нагóльный, -ая, -ое: **~ тулýп** пӯстини беабра

нагóн *м* (*по знач. гл.* **нагнáть** 4, 7) ронда овардан(и); кашидан(и); **~ смолы́** қатронкашӣ

нагоня́й *м разг.* сарзаниш, танбеҳ; **получи́ть ~** сарзаниш шунидан

нагоня́ть I *несов. см.* **нагнáть**

нагоня́ть II *сов. кого охот.* ба сайдронӣ омухтан *(сагро)*

нагоня́ться I *несов. страд.* баробар карда шудан

нагоня́ться II *сов. прост.* *(вдоволь погоняться)* хеле давидан; давида монда шудан

на-горá *нареч. горн.* ба боло; **вы́дать ýголь ~** ангиштро ба боло баровардан

нагорáживать *несов. см.* **нагороди́ть**

нагорáть *несов. см.* **нагорéть**

нагоревáться *сов. разг.* бисьёр ғам (ғусса) хурдан, хеле андуҳгин шудан

нагорéл||ый, -ая, -ое *разг.* *(с нагаром)* гулкарда, гул бароварда, сухта; **~ая свечá** шамъи гулкарда

нагор||éть *сов.* 1. гул кардан, гул баровардан; **свечá ~éла** шамъ гул кард 2. *безл. чего разг.* *(о горючем и т. п.)* сӯхтан, сарф шудан 3. *безл. кому-чему разг.* ҷазо (танбеҳ) дидан; **тебé за э́то ~и́т!** барои ин ҷазоятро мебинӣ!

нагóрн||ый, -ая, -ое 1. ...и кӯҳсор, кӯҳӣ, кӯҳистонӣ, дар болои кӯҳ вокеъбуда; **~ая странá** мамлакати кӯҳсор 2. кӯҳӣ, баланд; **~ый бéрег реки́** соҳили баланди дарьё

нагороди́ть *сов. что, чего* 1. кашидан, девор гирифтан 2. *разг.* *(нагромоздить)* туда (ғарам) карда мондан; **~ кýчу вся́кого хлáма** кӯҳнаколаҳоро туда карда мондан 3. *перен. разг.* бисьёр гап задан, лаққидан; **~ вся́кой чепухи́** сафсатаи бисьёр гуфтан

нагóрье *с* пушта, баландӣ, паҳнкуҳ, суфакуҳ

нагости́||ться *сов. разг.* хеле (дуру дароз) меҳмон шудан, муддати дароз меҳмон шудан; **мы ~лись у родны́х** мо ба хонаи хешу таборон дуру дароз меҳмон шудем

нагот||á *ж* бараҳнагӣ, лучӣ, урьёнӣ; **прикры́ть ~ý** бараҳнагиро панах кардан ◇ **во всей [своéй] ~é** бе ҳеч обу ранг, бепарда, кушоду равшан

наготáвливать *несов. см.* **наготóвить**

наготóве *нареч.* тайёр, ҳозир, омода

наготóвить *сов. что, чего* 1. тайёр (ғун) карда мондан; **~ дров нá зиму** барои зимистон ҳезум тайёр карда мондан 2. пухтан, пухта тайёр карда мондан

наготóви||ться *сов. чего чаще с отриц. разг.* ба андозаи даркорӣ тайёр кардан; **на тебя́ не ~шься** барои ту ба андозаи даркорӣ тайёр кардан мумкин нест

нагрáбить I *сов. что, чего* тороҷ карда ғундоштан, бо ғорат ҷамъ кардан

нагрáбить II *сов. что, чего обл.* *(собрать граблями)* бо хаскашак (бо хаскаш) ғундоштан

награвировáть *сов. что, чего* кандакорӣ (ҳаккокӣ) карда тайёр намудан

нагрáда *ж* мукофот, инъом, ато, тухфа, ҳадья; **высóкая ~** мукофоти олӣ; **прави́тельственная ~** мукофоти ҳукумати // *перен.* сарфароз

награди́ть *сов. кого-что чем* 1. мукофот (инъом) додан, мукофотонидан, ато кардан, ҳадья додан; **~ óрденом** бо орден мукофотонидан // *перен.* сарфароз кардан; **~ улы́бкой** бо табассум сарфароз кардан; **~ взгля́дом** бо нигоҳ сарфароз кардан 2. *перен.* бахшидан; **прирóда щéдро награди́ла егó талáнтами** у истеъдоди фитрӣ дорад 3. *разг. шутл.* задан; **~ оплеýхой** шаппотӣ (торсакӣ) задан; **~ пинкóм** лагад задан

наградн||óй, -áя, -óе 1. ...и мукофот, мукофотӣ; **~óй спи́сок** варақаи мукофот; **~ы́е часы́** соати мукофотӣ 2. *в знач. сущ.* **нагрáдные** *мн.* мукофотпулӣ, пули мукофот

награждáть *несов. см.* **награди́ть**

награждáться *несов. страд.* мукофотонида шудан

награждéние *с* 1. *(по знач. гл.* **награди́ть***)* мукофотдиҳӣ, мукофотонӣ, инъомбахшӣ, ато кардан(и) 2. *уст.* мукофот

награни́ть *сов. что, чего* суфтан, суфта тайёр кардан; **~ алмáзов** алмос суфта тайёр кардан

нагрáфить *сов. что, чего* ҷадвал (хат) кашидан; **~ тетрáдь** ба дафтар ҷадвал кашидан

нагребáть *несов. см.* **нагрести́**

нагрéв *м* 1. *(по знач. гл.* **нагрéть** 1) гарм кардан(и), тафсондан(и); *(по знач. гл.* **нагрéться***)* гармшавӣ, тафсидан(и); **~ стáли** тафсондани пӯлод; **~ без дóступа вóздуха** бе ҳаво гарм кардан(и); бе ҳаво гарм шудан(и) 2. дараҷаи гарм кардан(и); дараҷаи гармшавӣ; **необходи́мый ~ пéчи** дараҷаи матлуби гарм шудани кура 3. *тех.* гармшавӣ, сатҳи гармшавӣ; **~ паровóго котлá** гармшавии деги буғӣ

нагревáние *с см.* **нагрéв** 1; **~ воды́** гарм кардани об; **~ вóздуха** гармшавии ҳаво

нагревáтель *м* гармкунак; **электри́ческий ~** гармкунаки электрикӣ

нагревáтельн||ый, -ая, -ое 1. гармкунанда; **~ые прибóры** асбобҳои гармкунанда 2. *тех.* гармшаванда; **~ая повéрхность** сатҳи гармшаванда

нагревáть *несов. см.* **нагрéть**

нагревáться *несов.* 1. *см.* **нагрéться**; 2. *страд.* гарм карда шудан, тафсонда шудан

нагремéть *сов. разг.* ғулғула андохтан, гулдуррос задан, ғурридан

нагрести́ *сов. что, чего* туда кардан; **~ сéна** хасбеда туда кардан

нагрéтост||ь *ж* ҳарорат, дараҷаи гармшавӣ; **стéпень ~и** дараҷаи ҳарорат

нагрéтый, -ая, -ое 1. *прич.* гарм кардашуда, тафсондашуда 2. *прил.* гармшуда, гарм, тафсон; **~ вóздух** ҳавои гарм

нагрéть *сов.* 1. *что* гарм кардан, тафсондан; **сóлнце нагрéло песóк** офтоб регро тафсонд 2. *кого-что перен. прост.* фиреб додан ◇ **~ рýки** *на чём* бо фиребу қаллобӣ бой шудан, таматтӯъ бурдан

нагрé||ться *сов.* гарм шудан, тафсидан; **утю́г ~лся** дарзмол тафсид; **водá ~лась** об гарм шуд

нагреши́ть *сов. разг.* гуноҳ кардан, ба гуноҳ ғӯтидан

нагримировáть *сов. кого-что* грим кардан

нагримировáться *сов.* худро грим кардан

нагромождáть *несов. см.* **нагромозди́ть**

нагромождáться *несов.* 1. *см.* **нагромозди́ться**; 2. *страд.* ғарам карда шудан, бетартиб гузошта шудан

нагромождéние *с* 1. *(по знач. гл.* **нагромозди́ть***)* ғарам кардан(и), болои ҳам гузоштан(и); *(по знач. гл.* **нагромозди́ться***)* ғарамшавӣ 2. *(груда)* ғарам, тӯда, тӯб

нагромозди́ть *сов. что, чего* 1. ғарам карда мондан, болои ҳам гузоштан, бетартиб (тӯда-тӯда) гузоштан; **~ стýльев** курсиҳоро бетартиб гузоштан 2. *перен.* аз ҳад зиёд пур кардан *(бо ягон чиз)*; **~ примéров в статьé** мақоларо аз ҳад зиёд бо мисолҳо пур кардан

нагромозди́ться *сов.* тӯб шуда мондан, бетартиб (тӯда-тӯда, болои ҳам) ҷамъ шудан, ғарам шуда мондан

нагруби́ть *сов. кому* гапи дурушт задан, зиштгӯӣ кардан

нагрубия́нить *сов. разг. см.* **нагруби́ть**

нагрýдник *м* 1. пешгир, пешгирак, пешбанд, ошхӯрак; **дéтский ~** ошхӯраки бачагон 2. *(латы)* ҷавшан, чоройна

нагрýдн||ый, -ая, -ое болоисинагӣ, рӯисинагӣ, сарисинагӣ, ...и рӯи (сари) сина; **~ый знак** нишони сарисинагӣ; **~ый кармáн** кисаи болоисинагӣ; **~ые плавники́ у рыб** қанотҳои сари синаи моҳӣ

нагружáть *несов. см.* **нагрузи́ть**

нагружáться *несов.* 1. *см.* **нагрузи́ться**; 2. *страд.* бор карда шудан

нагрузи́ть *сов. кого-что* 1. бор кардан, гузоштан; пур кардан; **~ маши́ну дровáми** ба мошин ҳезум бор кардан;

~ **мешкй на телёгу** халтаҳоро ба ароба бор кардан 2. *перен. разг.* кори (супориши) бисьёр додан

нагрузйться *сов. разг.* 1. ба худ бор кардан 2. *прост.* маст шудан

нагру́зк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **нагрузйть** 1) бор кардан(и); ~**а су́дна** ба киштӣ бор кардан(и) 2. (*груз*) бор 3. сарборӣ; **у негó в э́том годý больша́я** ~**а** имсол сарбории у зиёд аст 4. *тех.* кор; **мотóр рабóтает с** ~**ой** мотор барзиёд кор мекунад

нагру́зчик *м тех.* боркунанда

нагрунтова́ть *сов. жив. что, чего* тагранг (оҳор) молидан; ~ **холст** ба лавҳа тагранг молидан

нагрустйться *сов. разг.* хеле зиқ шудан, бисьёр ғусса хӯрдан

нагрыза́ть *несов. см.* **нагры́зть**

нагры́зть *сов. что, чего* хоидан, бо дандон шикаста хурдан; ~ **орéхов** чормағзро бо дандон шикаста хурдан

нагры́зться *сов. разг.* бо дандон шикаста хурдан

нагрязнйть *сов. разг.* ифлос (лойолуд, чиркин, олуда) кардан; ~ **в кóмнате** хонаро ифлос кардан

нагря́ну||ть *сов.* ногаҳон (нохост) омадан, якбора пайдо шудан; ногаҳон ҳуҷум кардан; ~**ла беда́** фалокат аз таги по хест; **неожйданно** ~**ли друзья́** дустон нохост омада монданд

нагу́л *м с.-х.* фарбеҳшавӣ; **су́точный** ~ **скота́** фарбеҳшавии шабонарузии чорво

нагу́ливать *несов. см.* **нагуля́ть**

нагуля́||ть *сов.* 1. *что, чего (о животных)* чарида фарбеҳ шудан; **óвцы** ~**ли жйру** гусфандон чарида фарбеҳ шуданд // *перен. разг.* гушт гирифтан, фарбеҳ шудан, шикам мондан; ~**ть брюшкó** шикам мондан 2. *что разг.* хеле гашта (сайр карда) ҳосил кардан; ~**ть румя́нец** аз сайри ҳавои тоза ба рӯй сурхӣ давидан ◇ ~**ть ребёнка** *прост.* беникоҳ бачадор шудан

нагуля́ться *сов.* хеле сайр карда гаштан, хуб гардиш кардан

над (надо) *предлог с тв.* 1. (*поверх, выше кого-чего-л.*) ба болои..., дар болои...; ~ **на́шими голова́ми** дар болои сари мо; **ла́мпа висйт** ~ **столóм** чароғ ба болои миз овезон аст 2. (*указывает направленность действия*) ба; ба сари...; **сидéть** ~ **кнйгой** ба сари китоб нишастан; **смея́ться** ~ **кéм-л.** ба касе хандидан

над- (надо-, надъ-) *приставка* 1. *префикси феълсоз, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *илова, зиёд кардан* — **надвяза́ть** бофта дароз(тар) кардан; **надстрóить** ба болои чизе бино кардан 2) *нопурра будани амал, ба сатҳи предмет паҳн шудани амал* — **надкусйть** захми дандон задан; **надломйть** нимшикан кардан 2. *префикси исмсоз ва сифатсоз, ки маънои «руи, болои чизеро» ифода мекунад* — **надкóстный** болоиустухонӣ; **надбровье** болои абру

надава́ть *сов. что, чего разг.* бисьёр додан; ~ **обеща́ний** ваъдаҳои бисьёр додан; ~ **дéнег** пули бисьёр додан

надавйть *сов.* 1. *что, на кого-что* фушурдан, фишор додан, зер (пахш) кардан; ~ **кнóпку звонка́** тугмаи зангро зер кардан; ~ **на óпухоль** варамро зер кардан 2. *что, чего* афшурдан, фушурда гирифтан; ~ **лимóнного сóку** оби лимӯро фушурда гирифтан 3. *что, чего (размять)* пачақ (ғиҷим) кардан

нада́вливать *несов. см.* **надавйть**

нада́ивать *несов. см.* **надоить**

нада́нваться *несов. страд.* душида (ҷӯшида) шудан

нада́лбливать *несов. см.* **надолбйть**

нада́ривать *несов. см.* **надарйть**

надарйть *сов. что, чего разг.* чизҳои бисьёр ҳадья (инъом) кардан; ~ **дéтям игру́шек** ба бачаҳо бозичаҳои бисьёр инъом кардан

надба́вить *сов. разг. см.* **наба́вить**

надба́вк||а *ж разг. см.* **наба́вка**; ~**и к за́работной пла́те за стаж рабóты** иловаи маош барои муддати кор

надбавля́ть(ся) *несов. разг. см.* **набавля́ть(ся)**

надба́вочн||ый, -ая, -ое *разг. см.* **наба́вочный**

надбива́ть *несов. см.* **надбйть**

надбйть *сов. что разг.* кафондан, лаб шикастан, муяк равондан; ~ **ча́шку** лаби пиёларо шикастан

надбрóвн||ый, -ая, -ое болоиабрӯӣ, ...и болои абрӯ, аз абрӯ болотар будагӣ ◇ ~**ые ду́ги** *анат.* тоқи (хами) абру

надбрóвье *с анат.* тоқи (хами) абрӯ

надбрю́шн||ый, -ая, -ое *анат.* болоишикамӣ, ...и болои шикам; ~**ые мы́шцы** мушакҳои болои шикам

надвига́ть *несов. см.* **надвйнуть**

надвйгаться *сов. разг.* бисьёр ҷунбидан; бисьёр ҷунбида монда (хаста) шудан

надвига́ться *несов.* 1. *см.* **надвйнуться**; 2. (*быть надвижным*) пасу пеш кашидашаванда будан 3. *страд.* пеш кашида шудан

надвнжн||óй, -а́я, -óе пасу пеш кашидашаванда; ~**а́я кры́шка** сарпӯши пасу пеш кашидашаванда

надвйнуть *сов. что на кого-что* пеш кашидан, ба болои чизе кашидан; ~ **ша́пку на́ уши** телпакро ба болои гӯш кашидан

надвйну||ться *сов.* пеш омадан, наздик шудан, расидан; ~**лись ту́чи** абрҳо наздик шуданд // *перен.* расидан, омадан; ~**лась ста́рость** айёми пирӣ расид; **ночь ужé** ~**лась** аллакай шаб шуд

надвóдн||ый, -ая, -ое руиобӣ, ...и аз об берун; ~**ая часть корабля** қисми аз об беруни киштӣ

на́двое *нареч.* ба ду бӯлак, ба ду қисм, ба ду ҳисса; **расколóть** ~ ду булак кардан; **разрéзать я́блоко** ~ себро бурида ду бӯлак кардан // *разг.* (*двусмысленно*) ба ду маънӣ, думаънодор, духура, сарбаста ◇ **ба́бушка** ~ **сказа́ла** *погов.* хобатро ба об гуй

надвóрн||ый, ая, -ое...и руи ҳавлӣ; ~**ые пострóйки** иморатҳои руи ҳавлӣ

надвяза́ть *сов. что* 1. бофта дароз(тар) кардан; ~ **носóк** ҷуробро бофта дароз(тар) кардан 2. баста дароз(тар) кардан; ~ **верёвку** арғамчинро баста дарозтар кардан

надвя́зка *ж* 1. (*по знач. гл.* **надвяза́ть**) бофта дароз(тар) кардан(и) 2. (*надвязанная часть*) қисми бофташудаи иловагӣ

надвя́зывание *с см.* **надвя́зка** 1

надвя́зывать *несов. см.* **надвяза́ть**

надвя́зываться *несов. страд.* бофта дароз(тар) карда шудан

надгла́зный, -ая, -ое *анат.* болоичашмӣ, ...и болои чашм

надглóточный, -ая, -ое *анат.* ...и болои гулу, ...и болои ҳалқ

надгорта́нник *м анат.* тағояки ҳалқум, тағояки болои ҳалқ

надгорта́нный, -ая, -ое *анат.* ...и болои ҳалқ; ~ **хрящ** тағояки ҳалқум

надгрóбие *с* 1. санги қабр, санги сари гур, санги мазор 2. *уст.* хати лавҳаи қабр, хати сағона, хати санги мазор, катиба

надгрóбный, -ая, -ое 1. ...и болои қабр, ...и сари қабр, ...и сари гӯр, саритобутӣ; ~ **па́мятник** ёдгории сари қабр 2. (*погребальный*) ...и маросими дафн

надгрыза́ть *несов. см.* **надгры́зть**

надгры́зть *сов. что* нимкора хоидан, дандон задан; ~ **я́блоко** ба себ дандон задан

наддава́ть *несов. см.* **надда́ть**

надда́ть *сов. что, чего разг.* афзудан, зиёд (илова, изофа) кардан; тезондан (*суръати чизеро*); ~ **жа́ру** гармиро зиёд кардан; ~ **хóду** ҳаракатро тез кардан, ҷадал кардан

надебоширить *сов. разг.* моҷаро кардан, ҷанҷол (мағал) бардоштан, авбошӣ кардан

надева́ние *с* (*по знач. гл.* **надéть**) пушидан(и), пушондан(и)

надёвани||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пӯшидашуда 2. *прил. разг.* пӯшидагӣ, нимдошт; ~**ое пла́тье** куртаи нимдошт

надева́ть *несов. см.* **надéть**

надева́ться *несов.* 1. *см.* **надéться**; 2. *страд.* пушонда шудан

надéжд||а *ж* умед, чашмдошт, таваққуъ ◇ **в** ~**е на то, что...** ба умеди он ки...; **луч** ~**ы** нури умед; **возлага́ть** ~**ы на когó-чтó-л.** ба умеди касе, чизе шудан; **ласка́ть себя́** ~**ой** *уст.* умедвор будан (шудан), ба хаёлоти ширин фурӯ рафтан; **леле́ять** ~**у** умед бастан, дар дил умед парваридан; **льстйться** ~**ой** *уст.* умедвор будан, умед бастан; **пита́ть** ~**у** умед доштан, умедвор будан; **подава́ть** ~**ы** умедбахш (бонстеъдод) будан; **потеря́ть** ~**у** умед кандан, ноумед шудан, дасту дил шустан

надёжно *нареч.* боэътимод; ~ **защища́ть социалистйческое Отéчество** боэътимод Ватани социалистиро муҳофизат кардан

надёжность *ж* эътимодият; **эксплуатациóнная** ~ **обору́дования** эътимодияти истифодаи таҷҳизот

надёжный, -ая, -ое (надёж||ен, -на, -но) эътиборнок, боэътимод, мӯътабар,

муътамад, дилпуршаванда, қобили эътимод; ~ **товарищ** рафиқи боэътимод; ~ **работник** ходими муътамад; ~ **и прочный мир** сулҳи боэътимоду мустаҳкам

надел *м* 1. (*по знач. гл.* **наделить**) ҳисса (тақсим) карда додан(и) 2. *ист.* қитъа, замини саҳмӣ (*қитъаи хурди замин, ки дар Россияи пешазреволюционӣ ба оилаи деҳқон дода мешуд*)

наделать *сов. что, чего* 1. бисьёр сохтан, бисьёр кардан; ~ **игрушек** бозичаи бисьёре сохтан; ~ **ошибок** бисьёр хато кардан 2. *разг.* расондан, кардан; ~ **хлопот кому-л.** касеро ба ташвиш монондан, ташвиш додан, заҳмат расондан

наделение *с* (*по знач. гл.* **наделить**) ҳисса (тақсим) карда додан(и)

надели||ть *сов. кого-что чем* 1. ҳисса (тақсим) карда додан 2. *перен.* додан, бахшидан, ато кардан; **природа щедро ~ла его талантами** истеъдодаш баланд аст, ӯ истеъдоди фитрӣ дорад

надельн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и қитъа, ...и надел; **~ая земля** қитъа, замини саҳмӣ

наделять *несов. см.* **наделить**

наделяться *несов. страд.* дода шудан

надёргать *сов. что, чего* 1. бисьёр канда гирифтан, канда ҷамъ кардан, канда мондан 2. *перен. разг.* баҳудаю беҳуда ҷамъ кардан (овардан, гирифтан); ~ **цитат** баҳудаю беҳуда иқтибос овардан

надёргивать I *несов. см.* **надёргать**

надёргивать II *несов. см.* **надёрнуть**

надерзить *сов. разг.* густохӣ кардан, бешармона муомила кардан, гапи дағал задан

надёрнуть *сов. что* зуд пӯшидан, зуд партофтан

надеть *сов. что* 1. пушидан, пӯшондан; кашидан; ~ **шубу** пӯстин пӯшидан; ~ **пальто на ребёнка** ба кудак пальто пушондан; ~ **перчатки** дастпӯшакро ба даст кашидан; ~ **чехлы на мебель** ба мебель ҷилд кашидан 2. мондан, гузарондан; ~ **кольцо на палец** ба ангушт ангуштарин гузарондан ◊ ~ **[на себя] маску (личину)** *чего, какую* ниқоб пӯшидан

надё||ться *сов. разг.* пушида шудан; **сапоги легко ~лись** мӯза ба осонӣ пушида шуд

надеяться *несов.* 1. *на что, с неопр. или с союзом «что»* умед доштан, умедвор будан, умед бастан; ~ **на успех** ба муваффақият умед бастан; **он надеялся вернуться к сроку** у умед дошт, ки дар вақташ бармегардад 2. *на кого-что* эътимод (боварӣ) доштан, бовар кардан, дилпур шудан; **на него вполне можно ~** ба у комилан бовар кардан мумкин аст ◊ ~ **на кого-л. как на каменную гору** аз касе умеди комил доштан

надзвёздный, -ая, -ое *поэт.* ...и болои ситораҳо, ...и самовот, ...и гумбази осмон; ~ **свод** вусъатободи кабуд, гумбази осмон

надземн||ый, -ая, -ое сатҳизаминӣ, руизаминӣ, ...и аз хок берун; **~ые части растения** қисмҳои рӯизаминии (аз хок беруни) растанӣ

надзиратель *м* назоратчӣ, дидбон, нигаҳбон, нозир; **тюремный** ~ назоратчии ҳабсхона

надзирательница *женск. к* **надзиратель**

надзирательск||ий, -ая, -ое ...и назоратчӣ, ...и дидбон; **~ая должность** вазифаи назоратчӣ

надзирать *несов. за кем-чем* назорат кардан, дидбонӣ (нигаҳбонӣ) кардан; ~ **за порядком** ба риояи тартибот назорат кардан

надзор *м* 1. назорат, дидбонӣ, нигаҳбонӣ; **быть под чьим-л. ~ом** дар таҳти назорати касе будан 2. назорат; **санитарный** ~ назорати санитарӣ; **технический** ~ назорати техникӣ ◊ **прокурорский** ~ назорати прокурорӣ; **судебный** ~ назорати судӣ; **государственный** ~ назорати давлатӣ

надзорн||ый, -ая, -ое *юр.* ...и назорат, назораткунанда; **~ые органы** органҳои назорат

надивиться *сов. кому-чему, на кого-что (чаще с отриц. и гл. «мочь») разг.* ҳайрон шудан, тааҷҷуб кардан

надирать *несов. см.* **надрать**

надкалывать *несов. см.* **надколоть**

надкалываться *несов.* 1. *см.* **надколоться**; 2. *страд.* нимкафон карда шудан; сӯзан зада шудан

надклассовость *ж полит.* фавқуссинфият

надклассовый, -ая, -ое *полит.* фавқуссинфӣ

надклеиванне *с см.* **надклейка** 1

надклеивать *несов. см.* **надклеить**

надклеить *сов. что* илова часпонда дароз(тар) кардан; ~ **страницу** саҳифаро коғаз часпонда дароз(тар) кардан

надклейка *ж* 1. (*по знач. гл.* **надклеить**) часпонда дароз(тар) кардан(и) 2. қисми часпондашуда

надклювье *с зоол.* болои минқор

надключичный, -ая, -ое *анат.* ...и болои шона

надковать *сов. что* куфта калон кардан; чида тез кардан; ~ **лезвие топора** дами табарро чида тез кардан

надковывать *несов. см.* **надковать**

надкожица *ж бот.* пардаи пусти растанӣ

надкол *м* 1. (*по знач. гл.* **надколоть**) нимкафон кардан(и); сузанзанӣ 2. (*надколотое место*) ҷои нимкафон; ҷои сӯзан задашуда

надколенн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и зону, ...и болои зону, болотар аз зону; **~ая чашечка** косан зону, кулчаи зону, айнаки зону

надколоть *сов. что* нимкафон кардан; ~ **полено** ҳезумро нимкафон кардан

надколоться *сов. разг.* нимкаф шудан

надкостниц||а *ж анат.* пардаи рӯи устухон; **воспаление ~ы** варами пардаи рӯи устухон

надкостничный, -ая, -ое *анат.* ...и пардаи рӯи устухон

надкостный, -ая, -ое *анат.* болоиустухонӣ, рӯиустухонӣ

надкрылья *мн.* (*ед.* **надкрылье** *с*) *зоол.* пешбол

надкус *м* 1. (*по знач. гл.* **надкусить**) дандонзанӣ 2. ҷои дандонзада; захми дандон; ~ **на груше** ҷои дандонзадаи нок

надкусить *сов. что* дандон задан; захми дандон задан; ~ **яблоко** ба себ дандон задан

надкусывать *несов. см.* **надкусить**

надламывать *несов. см.* **надломить**

надламываться *несов.* 1. *см.* **надломиться**; 2. *страд.* нимшикан карда шудан, нимкафон карда шудан

надлеж||ать: **~ит** *безл. кому-чему с неопр.* бояд, лозим аст, даркор аст; **вам ~ит явиться в указанный срок** ба вақти таъиншуда ҳозир шуданатон лозим аст

надлежащ||ий, -ая, -ее даркори лозим(а); сазовор, муносиб, мувофиқ; **принять ~ие меры** чораҳои даркорӣ дидан

надлобье *с анат.* болои пешонӣ

надлом *м* 1. (*по знач. гл.* **надломить**) нимшикан кардан(и); (*по знач. гл.* **надломиться**) нимшикан шудан(и); ~ **кости** нимшикан шудани устухон 2. ҷои нимшикан; ~ **в кости** ҷои нимшикани устухон 3. *перен.* афсурдахотирӣ, афсурдадилӣ, болупаршикастагӣ; **душевный** ~ афсурдадилӣ

надломи||ть *сов.* 1. *что* нимшикан кардан, андаке шикастан; **~ть ветку дерева** шохи дарахтро нимшикан кардан 2. *кого-что перен.* болу пар шикастан; **жизнь ~ла его** ҳаёт болу пари ӯро шикастааст; **~ть силы** беқувват (нотавон, бемадор) шудан

надломи||ться *сов.* 1. нимшикан шудан, андаке шикастан; **сук ~лся** шохи дарахт нимшикан шуд 2. *перен.* хароб (бемадор) шудан; **силы ~лись** қувват рафт; **здоровье ~лось** сиҳатӣ хароб шуд

надломленность *ж см.* **надлом** 3

надломленный, -ая, -ое 1. *прич.* нимшикан кардашуда 2. *прил. перен.* афсурдадил(она), афсурдахотир, дардманд(она)

надлопаточный, -ая, -ое *анат.* болоишонагӣ, ...и болои шона

надменно *нареч.* мағрурона, бо ғурур, ҳавобаландона; **держаться** ~ ҳавобаландӣ кардан, мағрурона рафтор кардан

надменность *ж* ғурур, мағрурӣ, кибр, такаббур, ҳавобаландӣ; **проявлять** ~ такаббур кардан

надменный, -ая, -ое (надмен|ен, -на, -но) пурғурур, мағрур(она), бо такаббур, ҳавобаланд(она)

надмогильный, -ая, -ое *см.* **надгробный**

наднациональный, -ая, -ое фавқулмиллӣ

надо *в знач. сказ. безл. кому-чему с неопр., кого-что, чего* бояд, лозим аст, даркор аст; **ему ~ лечиться** вай бояд худро табобат кунонад; ~ **послать письмо** бояд мактуб фиристод; **что вам ~?** ба шумо чӣ лозим аст? ◊ **[ведь] ~ же!** ина бинед-а!; **так и** ~

кому ҳаққаш ҳамин аст; **так ему́ и ~!** сазояш ҳамин аст!; **что ~** худи худаш, айни муддао; **~ ду́мать, ~ полага́ть** 1) *в знач. вводн. сл.* эҳтимол дорад, шояд, бояд; 2) *(да, конечно)* албатта; **~ созна́ться** *в знач. вводн. сл.* гуфтан лозим, бояд гуфт, бояд иқрор шуд, ки...

надо *предлог ба ҷои «над» дар таркиби «надо мной» ва пеш аз калимаҳое меоянд, ки бо ду ё зиёдтар ҳамсадо сар шуда, аввалини онҳо «р» ё «л» бошад, мас.*: **~ ртом** аз болои даҳон (лаб); **~ лбом** дар болои пешона; *см.* **над**

надо= *приставка префиксе, ки ба ҷои «над=» дар мавридҳои зерин истифода мешавад:* 1) *пеш аз ду ё зиёдтар ҳамсадо* — **надорва́ть** нимдаррон кардан 2) *пеш аз ҳамсадое, ки пас аз он «ь» ҳаст* — **надошью** духта дарозтар хоҳам кард

на́добно *в знач. сказ. безл. уст. см.* **на́до**

на́добност||ь *ж* лузум, зарурат, даркорӣ, эҳтиёҷ, хоҷат; **по ме́ре ~и** ба қадри даркорӣ; агар лозим шавад; **в э́том нет ~и** ба ин ҳоҷате нест

на́добный, -ая, -ое (на́доб|ен, -на, -но) *уст.* лозим, зарур, даркорӣ

надоеда́||ть *несов. см.* **надое́сть;** не **~й мне!** маро безор накун!

надое́дливо *нареч.* дилбазан, шилқинона

надое́дливость *ж* дилбазан будан(и), шилқинӣ

надое́дливый, -ая, -ое (надое́длив, -а, -о) безоркунанда, дилбазан, шилқин; **~ челове́к** одами шилқин; **~ моти́в** оҳанги дилбазан

надое́||сть *сов. кому-чему* безор кардан, ба дил задан, дилгир кардан; **э́то мне ~ло** ин кор ба дилам зад; **~сть про́сьбами** бо илтимосҳои бисьёр безор кардан; **они́ ~ли друг дру́гу** онҳо аз якдигарашон безор шуданд

надои́ть *сов. что, чего* душидан, ҷушидан; **~ ведро́ молока́** як сатил шир душидан

надо́й *м* миқдори шири дӯшидашуда; **сре́дний ~ на коро́ву** миқдори миёнаи шири модагов

надоко́нный, -ая, -ое ...и болои тиреза; **~ карни́з** нижвони тиреза

на́долба *ж* 1. сутунчаи сари роҳ 2. *чаще мн.* **на́долбы** *воен.* садди роҳ

надолби́ть *сов. что, чего* зада сурох кардан, шикоф кардан, чуққӣ кардан

надо́лго *нареч.* ба муддати дароз (дуру дароз); **он уе́хал ~** вай ба муддати дароз рафт

надо́мник *м* хонакор

надо́мница *женск. к* **надо́мник**

надо́мный, -ая, -ое ...и хонакорӣ, хонагӣ, ...и хона

надо́рванный, -ая, -ое 1. *прич.* нимдаррон кардашуда, андаке даррондашуда 2. *прил. перен.* пуралам, пурҳаяҷон; **~ крик** фарьёди пурҳаяҷон; **~ плач** гирьяи пуралам

надорва́ть *сов. что* 1. нимдаррон кардан, андаке даррондан, андаке кандан, аз канор даррондан; **~ конве́рт** конвертро андаке даррондан 2. *перен.* даррондан, гирондан; **~ го́лос** овози худро гирондан; **~ здоро́вье** саломатии худро аз даст додан ◇ **~ животы́ (живо́тики) со́ смеху (от хо́хота)** аз ханда рудакан шудан

надорва́||ться *сов.* 1. нимдаррон шудан, андаке даридан; **паке́т ~лся** пакет андаке дарид 2. *перен. разг.* маиб шудан; **~ться, поднима́я тя́жесть** бори вазнинро бардошта маиб шудан 3. *перен.* *(измучиться)* миёнғу шудан

надоу́мить *сов. кого-что разг.* ёд додан, омухтан, фаҳмондан

надоу́мливать *несов. см.* **надоу́мить**

надпа́лубн||ый, -ая, -ое ...и болои саҳни киштӣ; **~ые каю́ты** хуҷраҳои болои саҳни киштӣ

надпа́рывать *несов. см.* **надпоро́ть**

надпи́л *м* 1. *(по знач. гл.* **надпили́ть)** андаке арра кардан(и); **~ досо́к** андаке арра кардани тахтаҳо 2. паи арра, ҷои арра кардашуда; **~ на де́реве** ҷои арра кардашудаи дарахт

надпи́ливание *с см.* **надпи́л** 1

надпи́ливать *несов. см.* **надпили́ть**

надпили́ть *сов. что* андаке арра кардан, нимкора арра кардан; бо арра пай задан; **~ до́ску** тахтаро андаке арра кардан

надпи́лка, надпило́вка *ж см.* **надпи́л** 1

надписа́ть *сов. что* ба болои (ба руи) *чизе* навиштан; **~ а́дрес на конве́рте** ба руи конверт адрес навиштан; **~ кни́гу** ба болои китоб навиштан

надпи́сывание *с* *(по знач. гл.* **надписа́ть)** ба болои (ба рӯи) *чизе* навиштан(и)

надпи́сывать *несов. см.* **надписа́ть**

на́дпис||ь *ж* хат, навиштаҷот; **~ь на кни́ге** хати рӯи китоб; **клинообра́зные ~и** хатҳои мехӣ; **с ~ью на языка́х сою́зных респу́блик** *(о гербе)* бо навиштаҷот ба забонҳои республикаҳои иттифоқӣ

надпоро́ть *сов. что* андаке чок кардан; **~ подкла́дку** астарро андаке чок кардан

надпо́чвенн||ый, -ая, -ое руихокӣ, рӯизаминӣ; **~ые во́ды** обҳои руизаминӣ; **~ый чернозём** сиёҳхоки рӯизаминӣ, руихоки сиёҳзамин

надпо́чечники *мн.* *(ед.* **надпо́чечник** *м)* *анат.* ғадудҳои болои гурда

надпо́чечн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и болои гурда, ...и руи гурда; **~ые же́лезы** ғадудҳои болои гурда

надра́ивать *несов. см.* **надра́ить**

надра́ить *сов. что мор.* пардоз додан, ялдаррос (ялтос) занондан, топ-тоза кардан

надра́ть *сов. что, чего* кашида (канда) гирифтан, дарронда гирифтан; **~ мно́го коры́** пустлоқи бисьёре канда гирифтан ◇ **~ у́ши кому́-л.** аз гуши касе кашидан, касеро гушмол додан

надре́з *м* 1. *(по знач. гл.* **надре́зать)** чок кардан(и), буриш 2. чок, ҷои чок кардашуда; **глубо́кий ~** чоки чуқур

надреза́ние *с см.* **надре́з** 1

надре́зать *сов. что* чок кардан, андаке буридан; **~ арбу́з** тарбузро андаке буридан

надреза́ть *несов. см.* **надре́зать**

надре́зывание *с см.* **надре́з** 1

надре́зывать *несов. см.* **надре́зать**

надрессирова́ть *сов. кого разг.* омӯхта (ром) кардан; **~ соба́ку** сагро омухта кардан // *ирон.* таъзир (таъдиб) додан

надроби́ть *сов. что, чего* майда (реза) кардан; **~ кирпича́** хишт майда кардан

надрожа́ться *сов. разг.* 1. *(от холода)* бисьёр ларзидан 2. *(поволноваться)* бисьёр ошуфта (парешонҳол) шудан, мушавваш гардидан, бисьёр дар хаяҷон мондан

надру́б *м* 1. *(по знач. гл.* **надруби́ть)** зада нимбурид кардан(и) 2. ҷои нимбур (нимкафон) кардашуда; **~ на поле́не** ҷои нимкафон кардашудаи ғула

надруба́ние *с см.* **надру́б** 1

надруба́ть *несов. см.* **надруби́ть**

надруби́ть *сов. что* зада андаке кафондан, нимбур карда мондан; **~ поле́но** дарахтро нимбур карда мондан

надру́бка *ж разг. см.* **надру́б**

надруга́тельство *с* таҳқир, поймолкунӣ

надруга́ться *сов. над кем-чем* таҳқир кардан; поймол кардан

надры́в *м* 1. *(по знач. гл.* **надорва́ть)** нимдаррон кардан(и) 2. ҷои даридагӣ, ҷои нимдаррон; **~ на листе́ бума́ги** ҷои даридагии коғаз 3. *перен.* шиддат; **ка́шлять с ~ом** бо шиддат сулфидан 4. *перен.* ҳаяҷон, алам; **говори́ть с ~ом** бо алам гап задан

надрыва́ть *несов. см.* **надорва́ть** ◇ **~ го́рло (гло́тку)** *прост.* гулӯ даррондан, сахт фарьёд кардан

надрыва́||ться *несов.* 1. *см.* **надорва́ться;** 2. *перен. разг.* *(стараться изо всех сил)* ҷон коҳондан // *(кричать изо всех сил)* фарьёд (дод) задан, дод гуфтан 3. *страд.* нимдаррон карда шудан ◇ **душа́ (се́рдце) ~ется** дил пора мешавад, дил торс мекафад

надры́вистый, -ая, -ое (надры́вист, -а, -о) бошиддат, шиддатнок; **~ ка́шель** сулфаи бошиддат

надры́вный, -ая, -ое (надры́в|ен, -на, -но) *см.* **надры́вистый**

надры́згать *сов. прост.* ифлос (чиркин, олуда) кардан *(чизеро пошида)*; **~ на полу́** фаршро ифлос кардан

надса́д||а *ж прост.* зурзанӣ, зӯр задан(и); **ка́шлять с ~ой** зур зада сулфидан

надсади́ть *сов. что прост.* зӯр ба кор бурдан, ҷон коҳондан; худро хаста кардан; **~ живо́т** рӯдакан шудан ◇ **~ се́рдце** дил хун кардан

надсади́ться *сов. прост.* маиб шудан

надса́дный, -ая, -ое (надса́д|ен, -на, -но) *прост.* бошиддат, шиддатнок, сахт; **~ ка́шель** сулфаи сахт

надса́живать *несов. см* **надсади́ть** ◇ **~ грудь** гулӯ дарронда гап задан, бо ҳарорат гап задан

надса́живаться *несов. прост.* *(стараться изо всех сил)* ҷон коҳондан // *(кричать изо всех сил)* бо тамоми овоз дод гуфтан (задан)

надсека́ние *с см.* надсе́чка 1

надсека́ть *несов. см.* надсе́чь

надсе́чка *ж* 1. (*по знач. гл.* **надсечь**) нимбур кардан(и) 2. чаққа, нишона, ишора; ~ **на бревне́** чаққаи руи ғулачуб

надсе́чь *сов. что* андаке буридан, нимбур карда мондан; ~ **топоро́м де́рево** дарахтро бо табар нимбур карда мондан

надсма́тривать *несов. над кем-чем, за кем-чем* назорат кардан, дидбонӣ (нигоҳбонӣ) кардан

надсмея́ться *сов. прост. см.* **насмея́ться** 2

надсмо́тр *м* назорат, нигоҳубин; ~ **за поря́дком** назорати тартибот

надсмо́трщик *м* назоратчӣ, дидбон, назораткунанда, нозир; **тюре́мный** ~ назоратчии ҳабсхона

надста́вить *сов. что* илова намуда дароз(тар) кардан; ~ **верёвку** арғамчинро баста дароз(тар) кардан

надста́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **надста́вить**) илова намуда дароз(тар) кардан(и); ~ **рукаво́в** дароз(тар) кардани остинҳо 2. қисми иловагии духташуда; қисми илова кардашуда

надставля́ть *несов. см.* **надста́вить**

надставля́ться *несов. страд.* илова карда шудан, дароз(тар) карда шудан

надставн||о́й, -а́я, -о́е 1. иловагӣ; ~**а́я часть ю́бки** иловаи домани юбка, қисми иловагии юбка 2. иловадор, илова (дарозтар) кардашуда; ~**ые рукава́** иловаи нуги остин, остини дарозтар кардашуда

надстра́ивание *с см.* **надстро́йка** 1

надстро́ечн||ый, -ая, -ое *филос.* ...и надстройка, ...и болосохт; ~**ые явле́ния** ҳодисаҳои надстройка

надстро́ить *сов. что* ба болои *чизе* бино кардан, барилова сохта баланд(тар) кардан; ~ **дом** иморатро баланд(тар) кардан (*ба болояш қабати дигар сохта*)

надстро́йка *ж* 1. (*по знач. гл.* **надстро́ить**) ба болои *чизе* бино кардан(и), барилова сохта баланд(тар) кардан(и); ~ **жилы́х домо́в** барилова сохта баланд(тар) кардани хонаҳои истиқоматӣ 2. болохона; **деревя́нная** ~ **зда́ния** болохонаи тахтагин 3. *филос.* надстройка, болосохт; **ба́зис и** ~ базис ва надстройка

надстро́чный, -ая, -ое болоисатрӣ, ...и болои сатр; ~ **знак** аломати болои сатр, ҳарака(т)

надтре́снут||ый, -ая, -ое (надтреснут, -а, -о) 1. кафидагӣ, камтар кафидагӣ, мӯякрафта; ~**ая таре́лка** табақчаи кафидагӣ 2. *тк. полн. ф. перен.* хиррӣ, хирросӣ; ~**ый го́лос** овози хиррӣ

надтре́сну||ть *сов.* кафидан, камтар кафидан, муяк рафтан; **стекло́** ~**ло** шиша камтар кафид

надуби́ть *сов. что, чего* даббоғӣ кардан, ош (торон)додан; ~ **кож** пусти бисьёре ош додан

надӯв *м* 1. *см.* **надӯвка**; 2. (*то, что нанесено ветром*) чизи руфта овардашуда, чизи туда кардашуда; ~**ы сне́га** тудабарфҳои бодоворд

надува́ла *м, ж прост.* фиребгар, қаллоб, маккор

надува́ние *с см.* **надӯвка**

надува́тельский, -ая, -ое *разг.* фиребгарона, қаллобона, маккорона

надува́тельство *с разг.* фиребгарӣ, қаллобӣ, маккорӣ

надува́ть *несов. см.* **надӯть**

надува́ться *несов.* 1. *см.* **надӯться** 1, 2, 5; 2. *страд.* дамонда шудан; вазида оварда шудан

надӯвка *ж* (*по знач. гл.* **надӯть** 1) дам (пуф) кардан(и); ~ **шин** дам кардани шинаҳо

надувн||о́й, -а́я, -о́е дам карда мешудагӣ; резинӣ; ~**а́я ло́дка** қаиқи резинӣ

надӯльник *м воен.* 1. (*чехол*)қапқоқи мили туп; **снять** ~**и с ору́дий** қапқоқи мили тупҳоро гирифтан 2. (*кольцо на конце дула*) ҳалқаи мили туп

надӯманность *ж* сохтагӣ, сохта будан(и); ~ **сюже́та** сохта будани сюжет

надӯманный, -ая, -ое 1. *прич.* фикр кардашуда 2. *прил.* (надӯман, -а, -о) сохта, қалбакӣ; ~ **о́браз в рома́не** образи сохта дар роман

надӯма||ть *сов. что и с неопр.* 1. фикр карда ба қароре омадан, ба ягон фикр омадан; **он** ~**л уе́хать** вай рафтанӣ шуд 2. *разг.* фикр карда ёфтан, фикр (хаёл) карда баровардан; **во́т ведь что** ~**л!** ана чӣ фикр карда баровард!

надӯматься *сов. разг.* хуб (бисьёр) фикр кардан

надӯмывать *несов. см.* **надӯмать**

надура́читься *сов. разг.* бисьёр ҳазлу шухӣ кардан, сабукӣ кардан

надури́ть *сов. прост.* беақлӣ (номаъқулӣ, аҳмақӣ) кардан

надӯт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* дам (пуф) кардашуда, дамондашуда 2. *прил.* дамида; ~**ые жи́лы** рагҳои дамида 3. *прил. перен. разг.* (*надменный*) калонгир, ҳавобаланд 4. *прил. перен. разг.* (*напыщенный — о стиле*) пуртумтароқ, дабдабанок 5. *прил. перен. разг.* (*угрюмый, сердитый*) бадқавоқ, дарундор, туршруй, хафа

надӯ||ть *сов.* 1. *что* дам (пуф) кардан, дамондан, дам фиристодан, бо ҳаво (бо газ) пур кардан; таранг кардан; ~**ть ши́ну** шинаро дам кардан; ~**ть щёки** лунҷҳоро дамондан; **ве́тер** ~**л паруса** шамол бодбонҳоро таранг кард 2. *что, чего безл.* вазида овардан (даровардан); **ве́тром** ~**ло пы́ли** шамол вазида чанг овард 3. *безл. разг.* шамол даромадан; хунукӣ даромадан; ~**ло в дверь** аз дар хунукӣ даромад 4. *безл. разг.* шамол хурдан; ~**ло в ӯхо** гуш шамол хурд 5. *кого-что разг.* фиреб додан, чаток (қаллобӣ) кардан ◇ ~**ть гу́бы** лабу лунҷ овезон кардан, тумшуқ кардан; ~**ть в ӯши кому́-л.** *прост.* ба гуши касе хондан

надӯ||ться *сов.* 1. дамидан, аз ҳаво (аз газ) пур шудан; таранг шудан; **шар** ~**лся** пуфак аз ҳаво пур шуд; **паруса́** ~**лись** бодбонҳо таранг шуд 2. *разг.* варам кардан, дамидан; **жи́лы** ~**лись** рагҳо дамиданд 3. *перен. разг.* ҳавобаландӣ кардан 4. *перен. разг.* (*обидеться*) ранҷидан, хафа шудан, тумшуқ кардан 5. *чего прост.* дам кардан, бисьёр нушидан; ~**ться воды́** аз обнушӣ варам (дам) кардан; ~**ться ча́ю** аз чойнушӣ дам кардан ◇ ~**лся как** (**бу́дто, сло́вно, то́чно**) **мышь на крупу́** *прост.* руяшро турш кардааст, хафа шудааст, ранҷидааст

надуши́ть *сов. кого-что* атр задан, гулоб пошидан; ~ **носово́й плато́к** ба руймолча атр задан

надуши́ться *сов.* ба худ атр задан

на́дфиль *м тех.* сӯҳонча

надхво́стье *с зоол.* думғоза

надшахтн||ый, -ая, -ое ...и болои шахта; ~**ые сооруже́ния** иншооти болои шахта

надшива́ние *с см.* **надши́вка** 1

надшива́ть *несов. см.* **надши́ть**

надши́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **надши́ть**) барилова духта дароз(тар) кардан(и) 2. қисми барилова дӯхташуда

надши́ть *сов. что* илова духта дароз(тар) кардан

надъ= *приставка префиксе, ки пеш аз садонокҳои йотбарсар ба ҷои «над=» кор фармуда мешавад:* надъе́сть андаке хӯрдан; *см.* над=

надъеда́ть *несов. см.* **надъе́сть**

надъе́сть *сов. что* андаке хӯрдан (*мас. аз лаби нон*)

надыми́||ть *сов.* дуд кардан; **печь** ~**ла** печка дуд кард; **в ко́мнате** ~**ли табако́м** хонаро пур аз дуди тамоку кардаанд

надыша́ть *сов.* 1. нафас кашида ҳаво гарм кардан; ~ **в помеще́нии** нафас кашида ҳавои хонаро гарм кардан 2. *на что разг.* ҳаври даҳои кардан (задан); ~ **на стекло́** ба шиша ҳаври даҳон задан ◇ **мно́го (до́лго) не надыши́т** *прост.* умри дароз намебинад, умраш кам мондааст

надыша́ться *сов.* хуб нафас кашидан, серӣ нафас кашидан; **вдо́воль** ~ **лесны́м во́здухом** дар бешазор хуб ҳаво хурдан, аз ҳавои ҷангал хуб баҳравар шудан ◇ **не надышится, не мо́жет** ~ **на кого́-л.** аз дидори касе сер намешавад, бисьёр дуст медорад; **пе́ред сме́ртью не надышишься** *погов.* ≈ кор аз кор гузашт

наеда́ть(ся) *несов. см.* **нае́сть(ся)**

наедине́ *нареч.* якка ба якка; **поговори́ть** ~ якка ба якка гап задан

нае́зд *м* 1. (*по знач. гл.* **нае́хать** *и* **наезжать** II 2) бархурдан(и); даромадан(и); омадан(и), нохост омада мондан(и); ~ **маши́ны на пешехо́дную доро́жку** ба пиёдароҳа зер карда даромадани мошин; **неожи́данный** ~ **госте́й** нохост омадани меҳмонон 2. *уст.* тохтутоз, ҳамла ◇ **быва́ть** ~**ом** гоҳ-гоҳ омада рафтан

нае́здить *сов.* 1. *что, чего и без доп. разг.* роҳ тай кардан; ~ **на маши́не пятьсо́т киломе́тров** бо мошин панҷсад километр роҳ тай кардан 2. *что* (*укатать*) савора ғашта роҳ баровар-

дан, савора гашта роҳ тахт (текис) кардан 3. *кого* ёд додан, ром кардан (*аспро*)

наéздиться *сов. разг.* бисьёр саворагардӣ кардан, аз саворагардӣ сер шудан; **вдóволь** ~ **на велосипéде** бисьёр велосипедсаворӣ кардан

наéздка *ж* (*по знач. гл.* **наéздить** 3) ёд додан(и), ром кардан(и); ~ **лóшади** ёд додани асп

наéздник *м* 1. (*всадник*) савор(а), човандоз; **лихóй** ~ човандози далер; **цирковóй** ~ човандози цирк 2. (*на конном заводе и т. п.*) ромкунанда, омӯхтакунанда

наéздница *женск. к* **наéздник** I

наéздническ||ий, -ая, -ое ...и савора, ...и аспсаворӣ; ...и човандоз; ~**ая снорóвка** маҳорати човандози

наéздничество *с* 1. (*верховая езда*) аспсаворӣ, саворагардӣ 2. (*профессия наездника*) човандози

наéздничий, -ья, -ье *уст. см.* **наéзднический**

наезжáть I *несов. см.* **наéздить**

наезжáть II *несов.* 1. *см.* **наéхать**; 2. *разг.* вақт ба вақт омадан, ба муддати кӯтоҳ омадан

наéзженн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҳамвор (текис) кардашуда 2. *прил.* ҳамвор, текис; ~**ая дорóга** роҳи ҳамвор

наéзживать *несов. см.* **наéздить** 2, 3

наéзжий, -ая, -ее *прост.* аз ҷои дигар омада, бегона, мусофир

наём *м* (*по знач. гл.* **нанять**) киро, иҷора, киро (иҷора) кардан(и); ~ **рабóчих** киро кардани коргарон; **рабóтать по нáйму** ба музди кироя кор кардан, мардикорӣ кардан ◇ **по вóльному нáйму** ба ихтиёри худ

наёмник *м* 1. *уст.* (*наёмный работник*) муздур, мардикор 2. *ист.* аскари кироя 3. *перен. презр.* зархарид, ғуломи зархарид

наёмнический, -ая, -ое муздурона, ...и муздур, ...и мардикор

наёмн||ый, -ая, -ое 1. ...и киро, ...и иҷора; ...и муздурӣ; ~**ая ценá** нархи киро; ~**ая плáта** пули киро 2. кироя; ~**ый труд** меҳнати кироя; ~**ые войскá** аскарҳои кироя 3. иҷора, иҷорагӣ, ба иҷора гирифташуда 4. *перен. разг.* зархарид

наерундúть *сов. прост.* беҳудагӣ (бемазагӣ) кардан

наéсть *сов. прост.* 1. хурдан 2. *что, чего* шикам пур (сер) кардан; ~ **себé живóт** шикамро худро сер кардан

наéсться *сов. чего, чем и без доп.* бисьёр (серӣ) хӯрдан, сер шудан; ~ **слáдкого** бисьёр ширинӣ хурдан; ~ **хлéбом** серӣ нон хурдан

наéха||ть *сов.* 1. *на кого-что* бархурдан, дакка задан; даромадан; ~**ть на столб** ба симчӯб бархурдан 2. *разг.* омадан, нохост (ногаҳон) омада мондан; ~**ло мнóго гостéй** меҳмони бисьёр омада монд

нажáловаться *сов. на кого-что разг.* шикоят (арз) кардан

нажáривать *несов.* 1. *см.* **нажáрить**; 2. *прост.* кореро бо шавқу завқ кардан; ~ **на гармóшке** бо шавқу завқ гармошка навохтан

нажáрить *сов.* 1. *что, чего* бирьён (кабоб) кардан, зирбондан; ~ **мяса** гушт зирбондан 2. *что разг.* тафсондан; ~ **пéчку** печкаро тафсондан

нажáриться *сов. прост.* сухтан, бирьён шудан, тафсидан; ~ **на сóлнце** дар офтоб сухтан

нажáтие *с* (*по знач. гл.* **нажáть** I 1) зер (пахш) кардан(и); ~ **рычагá** зер кардани фишанг

нажáть I *сов.* 1. *что, на кого-что* зер (пахш) кардан, фишор додан; ~ **кнóпку звонкá** тугмаи зангро зер кардан 2. *что, чего* фушурдан, фушурда гирифтан; ~ **лимóнного сóку** оби лиму фушурда гирифтан 3. *на кого-что и без доп. перен. разг.* (*оказать давление*) водор кардан, фишор кардан 4. *на что перен. разг.* бо ҷидду ҷаҳд (бо ғайрат) ба коре шурӯъ (сар) кардан; ~ **на рабóту** бо ғайрат ба кор сар кардан; ~ **на учёбу** бо ҷиддият ба хониш сар кардан ◇ ~ **на все кнóпки (пружи́ны, педáли)** ҳамаи чораҳоро дидан, ҳадаҳа кардан

нажáть II *сов. что, чего* дарав кардан, даравидан; ~ **сóтню снопóв люцéрны** сад банд юнучка даравидан

наждáк *м* сунбода, хокаи сунбода, реги сунбода

наждáчн||ый, -ая, -ое ...и сунбода; ~**ый кáмень** санги сунбода; ~**ый порошóк** хокаи сунбода; ~**ая бумáга** коғази сунбода

нажевáть *сов. что, чего* хоидан

нажевáться *сов. чего разг.* хоидан, хуб хоидан; шикамро сер кардан

нажёвывать *несов. см.* **нажевáть**

нажéчь *сов.* 1. *что, чего* сухтан, сӯзондан; ~ **мнóго бумáги** коғази бисьёр сӯхтан // (*израсходовать*) сӯзонда сарф кардан; ~ **зá зиму мнóго дров** дар зимистон ҳезуми бисьёр сарф кардан // (*наготовить пережиганием*) чуб сӯхта (сузонда) тайёр (ҳосил) кардан; ~ **древéсного ýгля** чӯб сузонда ангишт ҳосил кардан 2. *что разг.* (*накалить*) тафсондан, сурх кардан // *кого-что* (*на солнце, морозе, ветре*) сухтан; озурда (сурх, сиёҳ) кардан 3. *что* доғ кардан, тамға задан; ~ **таврó** тамға задан 4. *кого-что перен. прост.* фиреб додан, алда кардан

нажéчься *сов.* 1. *разг.* сухтан, сахт тафсидан, гарм шудан; ~ **на сóлнце** дар офтоб сухтан 2. *перен. прост.* зарар дидан (*аз фиребу найранги касе*)

нажи́ва I *ж* 1. *см.* **наживáние**; 2. фоида, пули бе дарди миён

нажи́ва II *ж см.* **нажи́вка**

наживáние *с* (*по знач. гл.* **нажи́ть** 1) бозьёфт кардан(и), ғундоштан(и), андухтан(и); ~ **капитáла** андӯхтани сарват

наживáть *несов. см.* **нажи́ть**

наживáться *несов.* 1. *см.* **нажи́ться**; 2. *страд.* ғундошта шудан, ҷамъ карда шудан

наживи́ть *сов. что рыб., охот.* хурхурак мондан; ~ **ýдочку червякóм** ба шасти моҳигирӣ кирм гузарондан

нажи́вка *ж рыб., охот.* хӯрхӯрак

наживлять *несов. см.* **наживи́ть**

наживлáться *несов. страд.* хурхӯрак монда шудан

наживн||óй I, -áя, -óе *разг.*: **дéло** ~**óе** чизи ёфт мешудагӣ; **дéньги — дéло** ~**óе** пул чизи ёфт мешудагӣ, пул чирки даст

наживнóй II, -áя, -óе ...и хурхӯрак, хурхуракдор; ~ **червя́к** кирми хӯрхурак

нажи́вщик *м рыб.* хурхуракмон

нажигáть *несов. см.* **нажéчь**

нажигáться *несов.* 1. *см.* **нажéчься**; 2. *страд.* сухта (сузонда) шудан

нажи́м *м* 1. (*по знач. гл.* **нажáть** I 1, 3) зер (пахш) кардан(и), фишордиҳӣ, фишор 2. *разг.* ҳамла, ҳуҷум, фишор, тазьйк 3. фишор; **писáть с** ~**ом** қаламро зер карда навиштан

нажимáние *с см.* **нажáтие**

нажимáть *несов. см.* **нажáть** I

нажи́мистый, -ая, -ое *разг.* 1. паҳнак; ~ **пóчерк** хати паҳнак 2. *прост.* исроркор, якрав

нажи́мный, -ая, -ое ...и фишор, фишордиҳанда, пахшкунанда; ~ **рычáг** фишанги фишор

нажи́н *м с.-х.* миқдори дарав

нажинáть *несов. см.* **нажáть** II

нажирáться *несов. см.* **нажрáться**

нажит||óй, -áя, -óе *разг.* андӯхта; ~**óе богáтство** молу давлати андӯхта

нажи́ть *сов.* 1. *что* андӯхтан, ба даст даровардан, ғундоштан, ҷамъ кардан; ~ **всё своим трудóм** хама чизро бо меҳнати худ ёфтан 2. фоида гирифтан, даромад кардан 3. *кого-что, чего* дучор шудан, гирифтор шудан; ~ **себé неприя́тности** ба сари худ бало оварда; ~ **ревмати́зм** ба дарди тарбод гирифтор шудан 4. *что и без доп. прост.* (*прожить*) умр дидан, зиндагонӣ кардан

нажи́ться *сов.* 1. бой шудан, давлат ғундоштан; ~ **на воéнных постáвках** аз ҳисоби фурухтани лавозимоти ҳарбӣ бой шудан 2. *разг.* дуру дароз зиндагонӣ кардан (*дар ҷое*)

нажрáться *сов. чего и без доп. груб. прост.* 1. пур (бисьёр) хурдан 2. бисьёр нӯшида маст шудан

нажужжать *сов. разг.* лақкидан, фачу лач гуфтан, ғайбат кардан

назáвтра *нареч.* рузи дигар, фардояш, пагоҳаш

назáд *нареч.* 1. ба ақиб, ақиб, ба пушт, ба пас; **сдéлать шаг** ~ як қадам ақиб мондан; **оглянýться** ~ ба ақиб нигоҳ кардан 2. баргашта, гашта; **брать свой словá** ~ аз қавли худ гаштан 3. пеш, пештар, пеш аз, қабл аз; **год** [**тому**] ~ як сол пеш

назади́ *нареч. разг.* дар ақиб, дар пушт, дар пас

назализáция *ж лингв.* талаффузи димоғӣ

назализи́рованный, -ая, -ое *лингв.* 1. *прич.* димоғӣ кардашуда 2. *прил.*

димоғӣ, димоғнишуда; ~ согласный «м» ҳамсадои димоғнишудаи «м»

назализировать *сов., несов. что лингв.* димоғӣ кардан

назализироваться *сов., несов. лингв.* димоғӣ шудан *(дар бораи овоз)*

назализованный, -ая, -ое *см.* **назализированный**

назальный, -ая, -ое *лингв.* димоғӣ; ~ **звук** садои димоғӣ

назанимать *сов. что, чего разг.* бисьёр қарз гирифтан; ~ **денег** пули бисьёр қарз гирифтан

названивать *несов. разг.* бисьёр занг (зангула) задан, сахт занг задан; ~ **по телефону** бо телефон бисьёр занг задан

назвáни||е *с* 1. ном, номгуй, исм; ~**е растения** номи растанӣ; **географические ~я** номҳои географӣ 2. *(отдельное издание)* номгуй; **в библиотеке несколько тысяч ~й** дар китобхона якчанд ҳазор номгуй китоб ҳаст ◇ **одно [только] ~е** исмаш ҳасту ҷисмаш нест

назвáн||ый, -ая, -ое: ~ый брат додархонд; **~ая сестра** хоҳархонд; **~ый сын** писархонд; **~ая дочь** духтархонд; **~ые родители** падархонду модархонд

назвáть I *сов. кого-что* 1. *кем-чем* ном (исм) додан, номидан, ном мондан (кардан); ~ **дочь Зарриной** духтарро Заррина номидан 2. тавсиф кардан, гуфтан; **его можно ~ великим писателем** ӯро нависандаи бузург номидан (гуфтан) мумкин 3. ошно (шинос) кардан, муаррифӣ кардан; ~ **себя** худро муаррифӣ кардан, номи худро гуфтан 4. *(перечислить)* номбар (зикр) кардан ◇ **боюсь** ~ аниқ намедонам

назвáть II *сов. что, кого-чего разг.* даъват (хабар) кардан, чеғ задан, хондан *(одатан одами бисьёре)*; ~ **полный дом гостей** як хона меҳмон чеғ задан

назвá||ться *сов.* 1. *кем-чем* худро фалонӣ номидан; **~лся груздём — полезай в кузов** *посл.* ≈ паҳлавон ки бошӣ, ба майдон даро; ҷои мардон дар майдон 2. *(представиться)* худро шиносондан, худро муаррифӣ кардан 3. *(получить какое-л. определение)* гуфта шудан; **та местность не могла ~ться красивой** он маҳал чандон зебо набуд

назвонить *сов. прост.* овоза (гап) паҳн кардан

наздрáвств||оваться *сов. прост.* бисьёр салом додан (гуфтан), такроран салом додан ◇ **на всякое чиханье (на всякий чих) не ~уешься** *погов.* ≈ дили ҳамаро ёфта намешавад

назевáться *сов. прост.* 1. хуб хамьёза кашидан 2. аз тамошои *чизе* сер шудан

назём *м обл. (навоз)* пору

назéмн||ый, -ая, -ое 1. руизаминӣ, ...и рӯи замин; **~ая железная дорога** роҳи оҳани рӯизаминӣ 2. *воен.* хушкигард; **~ые войска** қӯшунҳои хушкигард

нáземь *нареч. разг.* ба замин, бар замин; **упасть** ~ ба замин афтидан; **опустить ношу** ~ борро ба замин мондан

назидáние *с* панд, насиҳат, ибрат; **в ~ потомству** ба наслҳои оянда ибрат шудан

назидáтельность *ж* пандомез (насиҳатомез) будан(и)

назидáтельный, -ая, -ое (назидáте|лен, -льна, -льно) пандомез, насиҳатомез, ибратбахш; ~ **тон** оҳанги насиҳатомез; ~ **пример** мисоли ибратбахш

нáзло *нареч.* барқасд, қасдан, бадқасдона, ба рағм; **он это сделал мне** ~ вай инро барқасди ман кард

назначáть *несов. см.* **назначить**

назначáться *несов. страд.* таъин карда шудан, муайян карда шудан

назначéни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **назначить** *)* таъин кардан(и), муайян (муқаррар) кардан(и); **~е лекарства** таъин кардани дору 2. фармон, фармоиш; **получить ~е на Север** ба Шимол ба кор фиристода шудан 3. вазифа, ихтисос; **отряд особого ~я** отряди вазифааш махсус; **высокое ~е писателя** вазифаи бошарафи нависанда; **использовать кого-л. по ~ю** касеро аз рӯи ихтисосаш ба кор таъин кардан ◇ **место ~я** ҷои таъиншуда; **выехать к месту ~я** ба ҷои таъиншуда рафтан; **передать (послать** *и т. п.*) **по ~ю** ба ҷои даркорӣ фиристодан (расондан *ва ғ.*)

назнáчить *сов.* 1. *что* таъин кардан, муайян (муқаррар) кардан; ~ **день отъезда** рӯзи сафарро муайян кардан; ~ **свидание** мулоқот таъин кардан; ~ **пенсию** нафақа муқаррар кардан; ~ **лекарство** дору таъин кардан, дору фармудан 2. *кого-что* таъин кардан; ~ **директором** ба вазифаи директор таъин кардан

назóйливо *нареч.* бо шилқинӣ, бо хирагӣ

назóйливость *ж* шилқинӣ, хирагӣ

назóйлив||ый, -ая, -ое (назóйлив, -а, -о) хира, шилқин; **~ый человек** одами хира; **~ая муха** пашшаи хира // *перен.* дурнашаванда, аз хотир нараванда, дунболагир; **~ые мысли** фикрҳои дунболагир

назóла 1. *ж обл.* ғам, ғусса, ҳасрат, андуҳ 2. *м, ж (навязчивый человек)* одами шилқин (хира)

назревáние *с (по знач. гл.* **назреть**) пухтан(и), расидан(и); наздик шудан(и), ногузир шуда мондан(и); ~ **революции** наздик расидани революция

назревáть *несов. см.* **назреть**

назрé||ть *сов.* 1. пухтан, расидан, пухта расидан, баромадан; **нарыв ~л** чипқон пухт 2. *перен.* наздик шудан (расидан), ногузир шуда мондан; **кризис ~л** бӯҳрон наздик шуд

назубóк *нареч. разг.* нағз, хуб; **выучить стихотворение** ~ шеърро нағз аз ёд кардан

называние *с (по знач. гл.* **назвать** I) номидан(и)

называ||ть I *несов. см.* **назвать** I; ◇ **~ть вещи своими (собственными, настоящими) именами** ҳаққи гапро гуфтан, шаф-шаф нагуфта шафтолу гуфтан ◇ **так ~емый** ба номаш; гӯё ки

называть II *несов. см.* **назвать** II

называ||ться I *несов.* 1. *см.* **назваться** I; 2. ном доштан; **как ~ется этот колхоз?** ин колхоз чӣ ном дорад? 3. *страд.* номида шудан ◇ **что ~ется** *в знач. вводн. сл.* чунон ки мегӯянд

называться II *несов.* 1. *см.* **назваться** II; 2. *страд.* даъват карда шудан, хабар карда шудан

назывн||óй, -ая, -óе: ~óе предложение *грам.* ҷумлаи унвонӣ

назюзюкаться *сов. груб. прост.* арақ зада маст шудан

назябиуться *сов. разг.* бисьёр хунук хӯрдан, сармо хӯрдан; ~ **в дороге** дар роҳ бисьёр хунук хӯрдан

наи= *приставка префикси сифатсоз, ки бо суффикси «=тарин» ва ибораи «аз ҳама =тар» ифода мегардад:* **наилучший** беҳтарин, хубтарин; **наихудший** бадтарин, аз ҳама бадтар

наи́б *м* иоиб, муовин, ҷонишин

наибóлее *нареч.* аз ҳама... =тар; аз ҳама зиёдтар, аз ҳама бештар; ~ **удачный способ** усули аз ҳама муносибтар

наибóльш||ий, -ая, -ее калонтарин, бештарин, бисьёртарин, зиёдтарин; **~ая выгода** фоидаи калонтарин; **~ее расстояние** масофаи дуртарин ◇ **общий ~ий делитель** *мат.* калонтарин тақсимкунандаи умумӣ

наи́вничанье *с (по знач. гл.* **наивничать**) соддагӣ кардан(и), худро содда нишон додан(и)

наи́вничать *несов. разг.* соддагӣ кардан, худро содда нишон додан

наи́вно *нареч.* содда, соддадилона, соддалавҳона

наи́вность *ж* соддагӣ, соддадилӣ, соддалавҳӣ

наи́вный, -ая, -ое (наи́в|ен, -на, -но) содда, соддадил(она), соддалавҳ(она); ~ **ребёнок** бачаи соддадил; ~ **мечтатель** хаёлпарасти соддалавҳ; ~ **вопрос** саволи соддалавҳона

наивы́сш||ий, -ая, -ее олитарин, аълотарин, баландтарин; **~ее достижение** муваффақияти олитарин

наи́гранн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* навохташуда; бурдашуда 2. *прил.* (наи́гран, -на, -но) сохта, ғайритабиӣ, такаллуфомез; **~ая улыбка** табассуми сохта; **~ая весёлость** хурсандии ғайритабиӣ (бардурӯғ)

наигрáть *сов.* 1. *что, чего* навохтан, навохта додан; ~ **мотив** ягон оҳангро навохтан 2. *что* навохтан, навохта ба қарта сабт кунондан (нависондан); ~ **пластинку** навохта ба қарта сабт кунондан

наигрá||ться *сов.* бисьёр (то сер шудан) бозӣ кардан; **дети вдоволь ~лись** бачаҳо аз бозӣ сер шуданд

наи́грывать *несов.* 1. *см.* **наиграть**; 2. *что и без доп.* оҳиста навохтан; ~ **на гитаре** оҳиста-оҳиста гитара навохтан

наи́грыш *м* 1. оҳанг 2. бозии сохтакоронаи артист

наизнáнку *нареч.* чаппа; **вывернуть платье** ~ куртаро чаппа кардан //

перен. чаппаю роста; у него́ всё де́лается ~ кори вай ҳамеша чаппа меояд ◇ **вы́вернуть ~** чаппа карда нишон додан; **вы́вернуться ~** 1) ҷон коҳондан 2) маддаи дили худро кафондан; **вы́вернуть ду́шу ~** *перед кем* ба касе дарди дил кардан

наизу́сть *нареч.* аз ёд, аз бар, ёдакӣ; **вы́учить стихи́ ~** шеърро аз ёд кардан

наилу́чш||ий, -ая, -ее беҳтарин, хубтарин, нағзтарин; **~ий результа́т** натиҷаи нағзтарин ◇ **всего́ ~его** хуш бошед, нағз монед

наиме́нее *нареч.* аз ҳама =тар; аз ҳама кам, аз ҳама камтар

наименова́ние *с* ном, исм; **то́чное ~** номи аниқ

наименова́ть *сов. кого-что* 1. *(дать имя)* номидан, ном (исм) мондан (додан, ниҳодан) 2. *уст. (назвать по имени)* номи касеро гирифтан

наиме́ньш||ий, -ая, -ее хурдтарин, майдатарин, камтарин; **~ий риск** таваккали андак ◇ **идти́ (пойти́) по ли́нии ~его сопротивле́ния** роҳи осонтар ҷустан, аз душворӣ гурехтан

наипа́че *нареч. уст.* хусусан, алалхусус; бештар аз ҳама

наиска́ться *сов. чего разг.* бисьёр ҷустуҷӯ кардан

наискосо́к *нареч. разг. см.* **на́искось**

на́искось *нареч.* уреб, кӯс, каҷ; **пересе́чь по́ле ~** даштро бурида гузаштан

найти́||е *с уст. (вдохновение)* илҳом, ваҳӣ // *(воздействие)* таъсир, нуфуз ◇ **по ~ю** бо савқи табиӣ, беихтиёрона, банохост

наиху́дший, -ая, -ее бадтарин, гандатарин, аз ҳама бадтар

найдёныш *м разг.* ятимак, сағира

найми́т *м* 1. *обл. (наёмный работник)* муздур, мардикор 2. *презр.* зархарид

намывн||ой, -ая, -ое ...и обоварл; ~**ой песок** реги обовард

намыкаться *сов. прост.* оворагардӣ кардан, дар ғарибӣ умр гузарондан, аз оворагардӣ бисьёр азоб кашидан ◇ ~ **горя** *прост.* бисьёр ғам (алам) кашидан

намыливание *с* (*по знач. гл.* **намылить**) собунзанӣ

намыливать *несов. см.* **намылить**

намыливаться *несов.* 1. *см.* **намылиться;** 2. *страд.* собун зада шудан

намылить *сов. что* собун задан; ~ **руки** ба даст собун задан ◇ ~ **голову кому-л.** *прост.* сари касеро бе об тарошидан

намылиться *сов.* ба худ собун задан

намытариться *сов. прост.* бисьёр азоб дидан, сахтӣ кашидан

намыть *сов.* 1. *что, чего разг.* шустан, шуста тоза кардан; ~ **много посуды** зарфи бисьёреро шустан 2. *что прост.* хуб шустан, хуб шуста тоза кардан; ~ **руки** дастҳоро хуб шустан 3. *что, чего* шуста овардан, шуста туда кардан; **река намыла новые мели** дарьё регтудаҳои нави зери обро шуста оварл 4. *что* бо ёрии мошини лойкаш тӯда кардан (*лои таги дарьёро*); ~ **плотину** бо мошини лойкаш сарбанд сохтан 5. *что, чего* ба даст овардан, шуста пайдо кардан, ҳосил кардан; ~ **золотого песку** рег шуста зар ҷудо кардан

намыться *сов. прост.* худро шуста тоза кардан, худро хуб шустушу кардан; ~ **в бане** дар ҳаммом худро хуб шустушӯ кардан

намякать *несов. см.* **намякнуть**

намякнуть *сов.* мулоим (нарм) шудан; нам кашида мулоим (нарм) шудан

намять *сов.* 1. *что, чего* молида (фушурда) мулоим кардан, лат задан, лат зада тайёр кардан, қаллоқ задан; ~ **глины** лойро лат задан 2. *что, чего разг.* ғиҷим кардан; поймол кардан 3. *что разг.* озор додан; ~ **ногу** пойро озор додан ◇ ~ **бока** *кому прост.* задан, зарбу лат кардан; ~ **шею кому-л.** *прост.* ба гардани касе задан

нанаец *м* нанай; *см.* **нанайцы**

нанайка *ж* нанайзан, нанайдухтар, зани (духтари) нанай; *см.* **нанайцы**

нанайский, -ая, -ое нанай, ...и нанай; ~ **язык** забони нанай

нанайцы *мн.* нанайҳо (*халқе, ки асосан дар кишвари Хабаровск зиндагӣ мекунад*)

нанду *с нескл. зоол.* нанду (*шутурмурғи Америкаи Ҷанубӣ*)

нанесение *с* (*по знач. гл.* **нанести** 4, 5) нишон додан(и), нақша кашидан(и); расондан(и); ~ **на карту условных обозначений** нишон додани аломатҳои шартӣ дар харита; ~ **материального ущерба** расондани зарари моддӣ

нанести *сов.* 1. *что, чего* овардан, расондан, кашондан, кашонда овардан; ~ **книг из библиотеки** аз китобхона китоб кашонда овардан 2. *что, чего* овардан, оварда туб кардан, боло-болои ҳам гузоштан; **течением нанесло много песку** ҷараёни об бисьёр рег оварда туб кард; **нанесло много снега** *безл.* барфи бисьёр тӯда шуд 3. *безл. кого-что на кого-что* бурда задан, бурда дакка хӯрондан; **лодку нанесло на мель** ҷараёни об қаиқчаро ба синор бурда зад 4. *что* нақша кашидан, нишон додан; ~ **на карту важнейшие дороги** муҳимтарин роҳҳоро дар харита нишон додан; ~ **рисунок на ткань** матоъро нақшдор (гулдор) кардан 5. *что* кардан, расондан; боис шудан, сабаб шудан; ~ **оскорбление** таҳқир кардан; ~ **урон** зарар расондан 6. *чего* (*о птицах*) тухм мондан (гузоштан) ◇ ~ **визит** *кому* ташриф овардан, ба боздид омадан

нанизать *сов. что, чего* шадда кардан, ба ришта гузарондан, қатор кардан; ~ **бусы на нитку** ба ресмон шаба (минчоқ) гузарондан

нанизм *м* (*карликовый рост*) паканагӣ

нанизывание *с* (*по знач. гл.* **нанизать**) шадда кардан(и), бариштагузаронӣ

нанизывать *несов. см.* **нанизать**

наниматель *м* иҷорагир, кирокунанда; ~ **квартиры** иҷорагири хона

нанимательск||ий, -ая, -ое ...и иҷорагир, ...и кирокунанда; ~**ие права** ҳуқуқҳои иҷорагир

нанимать *несов. см.* **нанять**

наниматься *несов.* 1. *см.* **наняться;** 2. *страд.* иҷора гирифта шудан

наново *нареч. разг.* аз нав, аз сар, аз сари нав; ~ **переделать работу** корро аз нав кардан; **пересчитать** ~ аз нав ҳисоб карда баромадан

нанос *м* 1. (*по знач. гл.* **нанести** 2) овардан(и) 2. обоварл; бодоварл; **песчаные** ~**ы** регҳои бодоварл

наносить I *сов. что, чего* овардан, кашондан, кашонда овардан; ~ **груду камней** як туда санг овардан

наносить II *несов. см.* **нанести**

наноситься I *несов. страд.* кашонда оварда шудан; нишон дода шудан

наноситься II *сов. разг.* 1. бисьёр кашонда шалпар шудан 2. *чаще с отриц.* ба қадри кофӣ (басанда) оварда шудан

наносн||ый, -ая, -ое 1. ...и обоварл; ...и бодоварл; ~**ый песок** реги бодоварл 2. *перен. разг.* ногаҳонӣ, тасодуфӣ, бегона, аз берун омада; ~**ое влияние** таъсири беруна

нанюхаться *сов. чего разг.* бисьёр бӯй кардан, бисьёр бӯидан; бӯй кардa гаранг шудан

нанят||ой, -ая, -ое *разг.* 1. иҷора(гӣ), ба иҷора гирифташуда; ~**ая квартира** хонаи иҷора 2. кироя, киро кардашуда; ~**ой работник** коргари кироя

нанять *сов.* 1. *кого* ба кор гирифтан, киро кардан; ~ **сторожа** қаровулро ба кор гирифтан 2. *что* киро кардан, ба иҷора гирифтан

наняться *сов. разг.* ба кор даромадан; ~ **сторожем** ба кори қаровулӣ даромадан

наобещать *сов. что, чего разг.* ваъдаи бисьёр додан; ~ **с три короба** як дуньё чиз ваъда додан

наоборот *нареч.* 1. чаппа; **надеть шапку** ~ телпакро чаппа пӯшидан 2. (*иначе*) баръакс, чаппа, дигар хел, тамоман дигар; **поступить** ~ баръакс рафтор кардан 3. нодуруст, каҷ, бардурӯғ; **он всё понимает** ~ вай ҳама чизро каҷ (нодуруст) мефаҳмад 4. *в знач. вводн. сл.* баръакс 5. *в знач. против. частицы* асло, не, ҳеҷ не

наобум *нареч.* фикр накарда, андеша накарда, таваккалан, таваккал гуён, тахминан; **отвечать** ~ фикр накарда ҷавоб додан ◇ ~ **лазаря** *прост.* таваккалан, бе тайёрӣ

наорать *сов. на кого-что разг.* ба сари *касе* аррос задан

наораться *сов. разг.* хуб дод задан; дод зада монда шудан

наострить *сов. что, чего разг.* тез кардан; ~ **топор** табарро тез кардан

наотмашь *нареч.* қулоч кашида; **ударить** ~ қулоч кашида задан

наотрез *нареч.* ба таври қатъӣ, қатъиян, қатъан, тамоман; ~ **отказаться** ба таври қатъӣ рад кардан

напада||ть *сов.* бисьёр рехтан, рехта ғун шудан, боридан; ~**ло много снега** барфи бисьёр борид

нападать I *несов. см.* **напасть** I

нападать II *несов. см.* **нападать**

нападающий, -ая, -ее 1. *прич.* хуҷумкунанда, ҳамлакунанда 2. *в знач. сущ.* **нападающий** *м спорт.* хуҷумкунанда

нападени||е *с* 1. ҳуҷум, ҳамла; **внезапное** ~**е** ҳуҷуми ногаҳонӣ; **вооружённое** ~**е** ҳуҷуми мусаллаҳона; **угроза** ~**я** хавфи ҳуҷум; **отразить** ~**е противника** ҳуҷуми душманро зада гардондан; **подвергаться** ~**ю** дучори ҳамла гардидан 2. *спорт.* ҳуҷумкунандаҳо

нападк||и *тк. мн.* ҳуҷум, хурдагири, айбҷӯӣ, сарзаниш; **подвергаться** ~**ам** ба ҳуҷум дучор шудан

напаивание I *с* (*по знач. гл.* **напоить**) нӯшондан(и), хӯрондан(и)

напаивание II *с см.* **напайка** I

напаивать I *несов. см.* **напоить**

напаивать II *несов. см.* **напаять**

напайка *ж* 1. (*по знач. гл.* **напаять**) кафшер карда часпондан(и) 2. қисми кафшер кардашуда

напакостить *сов. разг.* 1. касиф (мурдор, ифлос) кардан 2. *кому-чему* зарар (зиён, зарба) расонидан

напалм *м* напалм (*омехтаи химиявии махсус барои бомбаҳои оташзананда*)

напалмов||ый, -ая, -ое напалми, ...и напалм; ~ая бомба бомбаи напалмӣ

напаривать *несов. см.* напарить

напариваться *несов.* 1. *см.* напариться; 2. *страд.* буғ дода шудан

напарить *сов.* 1. *что, чего* буғ додан, буғ дода пухтан; ~ рёпы шалғамро буғ дода пухтан 2. *кого-что разг.* хуб буғ додан

напариться *сов. разг.* худро хуб буғ додан; ~ в бане дар ҳаммом худро хуб буғ додан

напарник *м разг.* шарик, шарикдаст, ҳамкор

напарывать I, II *несов. см.* напороть I, II

напарываться I *несов. см.* напороться

напарываться II *несов. страд.* кук канда шудан

напасать *несов. см.* напасти

напасаться *несов.* 1. *см.* напастись I; 2. захира карда шудан, ғундошта шудан

напасти *сов. чего разг.* пасандоз (захира) кардан, ғундоштан

напастись I *сов. чего чаще с отриц. разг.* ба қадри кофӣ пасандоз (захира) кардан

напастись II *сов. разг.* хуб чаридан

напа||сть I *сов. на кого-что* 1. ҳуҷум (ҳамла) кардан, ҳуҷум (ҳамла) овардан, дарафтодан; ~сть на врага ба душман ҳуҷум кардан; ~сть из-за угла ногаҳон ҳамла кардан; ~сть врасплох ногаҳон ҳуҷум кардан 2. *разг. (о насекомых и т. п.)* зер кардан, рехтан; на посевы ~ла саранча киштзорро малах зер кард 3. *разг.* хурдагирӣ кардан, эрод гирифтан, маломат (таъна, сарзаниш, коҳиш) кардан; ~сть с упрёками сарзаниш (таъна) кардан 4. зер (пахш) кардан, фаро гирифтан; на него ~л страх вайро воҳима зер кард 5. ёфтан, кофта ёфтан, афтодан; собаки ~ли на след лисицы сагҳо аз паи рубоҳ афтодаанд ◇ не на дурака (дуру) ~л; не на робкого (робкую) ~л; не на того (ту) ~л ман аз ту мегуфтагӣ одамҳо не; аҳмақатро ёфтӣ, а; бомчаи пастакатро ёфтӣ!

напасть II *сов. см.* нападать

напасть III *ж разг.* бадбахтӣ, мусибат, бало, офат, фалокат; что за ~ такая! ин чӣ бадбахтӣ!, ин чӣ бало!

напахать *сов. что, чего* шудгор кардан, рондан; ~ земли замин шудгор кардан

напахивать *несов. см.* напахать

напахтать *сов. что, чего* гуппӣ зада тайёр кардан (ҷудо кардан); ~ масла гуппӣ зада равған тайёр кардан

напачкать *сов.* касиф (чиркин, олуда, ифлос) кардан; ~ на столе болои столро ифлос кардан

напаять *сов.* 1. *что* кафшер карда часпондан, пайванд кардан 2. *что, чего* кафшер карда тайёр кардан

напев *м* оҳанг, ҳаво, нағма; плясовой ~ оҳанги рақсӣ; народные ~ы оҳангҳои халқӣ

напевать *несов.* 1. *см.* напеть; 2. *что и без доп.* замзама кардан, оҳистакак тараннум кардан; худ ба худ хондан; ~ песенку сурудро замзама кардан

напевность *ж* хушоҳангӣ, хушоҳанг (оҳангдор, форам) будан(и); ~ речи хушоҳангии нутқ

напевный, -ая, -ое (напев|ен, -на, -но) хушоҳанг, оҳангдор, форам; ~ голос овози хушоҳанг

напекать *несов. см.* напечь

напенивать(ся) *несов. см.* напенить(ся)

напенить *сов. что разг.* кафк кунондан

напениться *сов.* кафк кардан

наперво *нареч. прост.* пеш аз ҳама, аз ҳама аввал

наперебой *нареч. разг.* сухани ҳамдигарро бурида, ба ҳамдигар навбат надода; все заговорили ~ ҳама сухани ҳамдигарро бурида гап задан гирифтанд

наперевес *нареч.* ба даст гирифта, ба пеш нигаронида; держать винтовку ~ милтиқро ба пеш нигаронида доштан

наперегонки *нареч.* баҳс ба баҳс, мусобиқакунон; дети бежали ~ бачаҳо пештозак карда медавиданд

наперёд *нареч. прост.* 1. пеш, ба пеш, пештар; выскочить ~ ҷаҳида пеш баромадан 2. пешакӣ; он ~ всё знает вай ҳама чизро пешакӣ медонад ◇ задом ~ чаппа

наперекор 1. *нареч.* бархилоф, баръакс; он всегда действует ~ вай ҳамеша баръакс рафтор мекунад 2. *предлог с дат.* бар хилофи..., бар акси...; ~ желаниям бар хилофи мақсад

наперекрёст *нареч. разг.* чорчиллик

наперерез *нареч.* бо роҳи миёнбур, роҳро миёнбур карда, роҳро бурида; побежать ~ роҳро миёнбур карда давидан

наперерыв *нареч. см.* наперебой

напереть *сов. прост.* 1. *на кого-что* тела (фишор) додан, зер (пахш, тазйиқ), кардан 2. *груб.* ғун (ҷамъ) шудан, ба як ҷо туб шудан

наперехват *нареч. прост.* 1. бо роҳи миёнбур, роҳро бурида 2. сухани ҳамдигарро бурида

наперечёт *нареч.* 1. як ба як; знать всех ~ ҳамаро як ба як (панҷ панҷа барин) донистан 2. *в знач. сказ.* камъёб, башумур; такие специалисты ~ ин гуна мутахассисҳо башумуранд

наперник *м разг.* ҷилд, лифофа

наперсник *м уст.* маҳрам, маҳрами роз, надим

наперсница *ж* 1. *женск. к* наперсник; 2. *уст.* маъшуқа, хушдор

наперсный, -ая, -ое: ~ крест *церк.* салиби сарисинагӣ

напёрсток *м* ангуштпона; медный ~ ангуштпонаи мисин ◇ с ~ пушти нохун барин

напёрсточный, -ая, -ое ...и ангуштпона

наперстянка *ж бот.* панҷаналӣ

напёрчивать *несов. см.* напёрчить

напёрчить *сов. что* қаламфур (мурч) андохтан; ~ суп ба шӯрбо қаламфур андохтан

напеть *сов.* 1. *что, чего* хондан, сурудан, сароидан; ~ мотив оҳангеро сароидан 2. *что* сурудан, суруда ба қарта сабт кунондан (нависондан); ~ арию на пластинку арияро ба қарта сабт кунондан 3. *что и без доп. перен. прост.* ғайбат (хабаркашӣ) кардан ◇ ~ в уши *то же, что* напеть 3

напеться *сов. разг.* хуб ашулахонӣ кардан, бисьёр сурудан

напечатать *сов. что, чего* чоп кардан

напечата||ться *сов.* 1. *разг.* чоп шудан; рисунки ~лись очень отчётливо расмҳо хеле равшан чоп шудаанд 2. асари худро чоп кунондан; ~ться в журнале асари худро дар журнал чоп кунондан

напе||чь *сов.* 1. *что, чего* пухтан, пухта тайёр кардан; ~чь блинов қуймоқ пухтан 2. *безл. что* сузондан, тафсондан; мне ~кло голову на солнце офтоб сарамро сузонд

напечься *сов. разг.* сухтан, аз ҳад зиёд гарм шудан (*дар офтоб*); ~ на солнце дар офтоб сухтан

напиваться *несов. см.* напиться

напиливать *несов. см.* напилить

напилить *сов. что, чего* арра кардан, арра карда тайёр кардан; ~ дров ҳезум арра кардан

напилок *м разг. см.* напильник

напильник *м* сӯҳон, суян; трёхгранный ~ сӯҳони секирра; круглый ~ сӯҳони мудаввар

напира||ть *несов.* 1. *см.* напереть 1; 2. *на кого-что и без доп. разг.* ҳуҷум (танг) кардан, фишор овардан; войска ~ли на противника с фланга аскарон ба душман аз паҳлу фишор меоварданд 3. *на что перен.* исрор кардан

написание *с* 1. (*по знач. гл.* написать) навиштан(и) 2. тарзи хатнависӣ, тарзи (шакли) навиштан(и), навишт; двоякое ~ буквы «д» ду тарзи навиштани ҳарфи «д»; правильное ~ слова навишти дурусти калима

написать *сов. что* навиштан, навишта тамом кардан, навишта шудан ◇ на лбу написано *у кого* намоён, ба ҳама маълум; на лице написано *у кого, чьём* намоён, ба ҳама маълум, аз афт маълум; на его лице был написан страх дар рӯяш осори тарс нақш бастааст; на роду написано кому-л. дар пешонааш навишта шудагӣ, дар тақдираш будааст

написаться *сов. разг.* бисьёр навиштан, навишта сер шудан

напитать *сов.* 1. *разг. кого-что* хӯронидан, хӯронда сер кардан 2. *что чем* тар кардан, нам кашондан, ҷаббондан

напита́||ться *сов.* 1. *разг. шутл.* сер шудан, хуб сер шудан 2. *чем* тар шудан, нам гирифтан, нам (об) кашидан, чаббидан; **гу́бка ～лась водо́й** исфанҷ об кашид

напи́т||ок *м* нуш, нушокӣ; машрубот; **спиртны́е ～ки** нушокиҳои спиртдор; **кре́пкие ～ки** машрубот, шаробу арақ; **прохлади́тельные ～ки** нушокиҳои ташнагиишикан

напи́тывать *несов. см.* **напита́ть 2**

напи́тываться *несов.* 1. *см.* **напита́ться** 2; 2. *страд.* тар карда шудан, чаббонда шудан

напи́ться *сов.* 1. *чего и без доп.* нушидан, ташнагиро шикастан 2. *разг.* нӯшида маст шудан; **～ до положе́ния риз** мурданивор нушидан

напиха́ть *сов. что, чего* тиққондан; тиққонда пур кардан; **～ веще́й в чемода́н** ба ҷомадон чизҳоро тиққонда пур кардан

напи́хивать *несов. см.* **напиха́ть**

напи́чкать *сов. кого-что* 1. серу пур хӯрондан 2. *перен.* бисьёр ёд додан, дар майна ҷойгир кардан

напла́в *м рыб.* қаровулаки шаст; қаровулаки тури моҳигирӣ

напла́вать *сов. что, чего и без доп.* шинокунон масофаеро тай кардан

напла́ваться *сов. разг.* бисьёр шино карда сер шудан

напла́вить *сов.* 1. *что* андудан 2. *что, чего* об карда тайёр кардан, гудохта тайёр кардан

напла́виться *сов.* об шудан, гудохта шудан

напла́вка *ж* (*по знач. гл.* **напла́вить**) андудан(и)

наплавля́ть *несов. см.* **напла́вить**

наплавля́ться *несов.* 1. *см.* **напла́виться**; 2. *страд.* об карда шудан, гудохта шудан

наплавно́й, -а́я, -о́е: **～ мост** купруки мувақкатӣ, пули бепоя

напла́канн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* бисьёр гириста 2. *прил. разг.* гирьяолуд; **～ые глаза́** чашмони гирьяолуд

напла́ка||ть *сов. что разг.* гирья кардан, гиристан, ашк рехтан ◇ **кот ～л** хеле кам, ҳеҷ чӣ не

напла́||каться *сов.* 1. бисьёр гирья кардан (гиристан); аз гирья монда шудан 2. *разг.* озор дидан, аз дасти *касе* ба дод омадан; **ты ещё ～чешься с ним** ту ҳоло аз дасти вай ба дод меоӣ

напласта́ть *сов. что, чего разг.* қабат-қабат буридан; **～ ры́бу для соле́ния** моҳиро барои намак кардан қабат-қабат буридан

напластова́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **напластова́ть**) чин-чин (қабат-қабат) гузоштан(и); (*по знач. гл.* **напластова́ться**) (қабат-қабат) шудан(и) 2. *геол.* қабат, табақа 3. *перен.* хусусияти бегона

напластова́ть *сов. что, чего* чин-чин (қабат-қабат) гузоштан (кардан); **～ зе́млю** хокро қабат-қабат гузоштан

напластова́ться *сов.* қабат-қабат шудан

напласто́вывать *несов. см.* **напластова́ть**

напласто́вываться *несов.* 1. *см.* **напластова́ться**; 2. *страд.* чин-чин (қабат-қабат) гузошта шудан

наплева́тельск||ий, -ая, -ое *разг.* бепарвоёна, нописандона, беэътиноёна, хунукназарона; **～ое отноше́ние к де́лу** муносибати бепарвоёна ба кор

наплева́ть *сов.* 1. туф кардан; **～ на́ пол** ба руи фарш туф кардан 2. *что, чего* туф карда ифлос кардан 3. *на кого-что перен. разг.* парво накардан; **ему́ ～ на всё** вай ба ҳеҷ чиз парво надорад ◇ **～ в глаза́ (в лицо́) кому́-л.** *прост.* ба руи касе туф кардан

наплеска́ть *сов. что, чего и без доп.* чошидан, пошидан, лаппонда пош хурондан

наплеска́||ться *сов. разг.* 1. обпошакон (обпошак, обпошакбозӣ) кардан; **～ться в ре́чке** дар дарьё обпошакон кардан 2. лаппида пош хурондан; **вода́ ～лась на́ пол** об лаппида пош хӯрд

наплёскивать *несов. см.* **наплеска́ть**

наплести́ *сов.* 1. *что, чего* бофтан, бофта тайёр кардан; **～ корзи́н** сабат бофтан 2. *что, чего и без доп. перен. разг.* бисьёр лаққидан, фаҷу лаҷ гуфтан; **～ глу́постей** гапҳои бемаза (фаҷу лаҷ) гуфтан

наплета́ть *несов. см.* **наплести́ I**

напле́чник *м* 1. (*наплечное украшение*) зинати сарикитфӣ; китфпӯш 2. *ист.* ҷавшан, китфпушак (*қисми зиреҳ*) **желе́зные ～и** китфпушакҳои оҳанин 3. *спорт.* китфпӯш

напле́чн||ый, -ая, -ое сарикитфӣ; **～ые ремни́** тасмаҳои сарикитфӣ

наплоди́ть *сов. что, кого-чего разг.* бисьёр зоидан, сернасл шудан

наплоди́ться *сов. разг.* ба миқдори бисьёр зоида шудан, бисьёр шудан

наплута́ться *сов. разг.* роҳро гум карда бисьёр гаштан, овора шудан; **～ в лесу́** роҳро гум карда дар бешазор бисьёр гаштан

наплутова́ть *сов. разг.* ҳила кардан, маккорӣ (фиребгарӣ, қаллобӣ) кардан, фанд кардан

наплы́в *м* 1. (*по знач. гл.* **наплы́ть** 2) обовард(а) 2. карахш, таҳнишин, таҳшин; **～ в котле́** карахши дег 3. *перен.* анбуҳ (туда, бисьёр) шудан(и); бо миқдори зиёде омадан(и); **～ зака́зов** бисьёр шудани заказ 4. *перен.* (*мыслей и т. п.*) пайдо шудан(и); ҷуш задан(и); **～ чувств** ҷӯш задани ҳиссиёт 5. *бот.* ҷоғар, ғуррии дарахт 6. *вет.* озахи сум

наплыва́ть *несов. см.* **наплы́ть**

наплывно́й, -а́я, -о́е (*наносный*) обоварда, таҳшинӣ; **～а́я земля́** хоки обоварда

наплы́||ть *сов.* 1. *на кого-что* шино карда дучор шудан (дакка хурдан), шинокунон вохурдан; **～ть на ка́мень** шино карда ба санг дакка хурдан; **～ть на мель** ба пастоб дучор шудан 2. шино карда омадан, об овардан; **～ло мно́го брёвен** об бисьёр ғулачуб овард 3. *перен.* гирифтан, пӯшондан; **ту́ча ～ла́ на со́лнце** абр пеши офтобро гирифт 4. *перен.* пайдо шудан, ба ҷавлон омадан

напляса́ться *сов. разг.* хуб рақс кардан, ба қадри хоҳиш рақс кардан ◇ **ты (он, вы** *и т. д.*) [**у меня́**] **напля́шешься (напля́шется, напля́шетесь** *и т. д.*) ҳоло ту (вай, шумо *ва ғ.*) мебинӣ (мебинад, мебинед *ва ғ.*)

напова́л *нареч.* якбора, тамоман, бо як тир, бо як задан; **уби́ть ～** бо як тир (бо як задан) куштан

наподда́ть *сов. разг.* 1. *что и без доп.* аз таг ба боло задан, зада тела додан; сахт задан; **～ мяч** тубро аз таг ба боло задан 2. *что, чего* зиёд кардан; **～ па́ру** буғро зиёд кардан, бисьёртар буғ сар додан

наподо́бие *предлог с род.* монанди..., мисли..., ба монанди..., ҳамчун, барин, =монанд; **водоём ～ о́зера** ҳавзи кулмонанд

напои́ть *сов.* 1. *кого-что* нушондан, хурондан; **～ госте́й ча́ем** меҳмононро бо чой зиёфат кардан; **～ до́пьяна** нушонда маст кардан; **～ до положе́ния риз** мурданивор нушондан 2. *что чем перен.* фаро гирифтан, пур кардан; **во́здух напоён за́пахом цвето́в** ҳаво пур аз буи гул аст

напо́й *м* қисми кафшер кардашуда

напока́з *нареч.* барои намуд (намоиш), зоҳиран; **выставля́ть ～** намоиш додан, барои намоиш гузоштан; **де́лать что́-л. ～** барои намуд коре кардан

наполза́ть *несов. см.* **наползти́**

наполз||ти́ *сов.* 1. *на кого-что разг.* хазида дакка хӯрдан (вохӯрдан); **～ти на про́волоку** хазида ба сим дакка хурдан 2. хазида даромадан; **мураве́й ～ли́ в варе́нье** мӯрчаҳо ба мураббо даромаданд

наполирова́ть *сов. что, чего* сайқал (пардоз) додан, ялтос занондан; пардоз дода тайёр кардан; **～ ме́бель** мебельро пардоз додан

наполиро́вывать *несов. см.* **наполирова́ть**

наполне́ни||е *с* (*по знач. гл.* **напо́лнить**) пур кардан(и); (*по знач. гл.* **напо́лниться**) пур шудан(и); **～е бо́чки водо́й** бо об пур кардани бочка ◇ **пульс хоро́шего ～я** *мед.* набзи муътадил

наполни́тел||ь *м* 1. (*вещество*) оканиш 2. (*машина*) пуркунанда (*мошин барои пур кардани зарф бо маҳсулоти хурокворӣ ва моли нимтайёр*); **автомати́ческие ～и** пуркунандаҳои автомати

напо́лн||ить *сов. что* 1. пур кардан, лаб ба лаб кардан; **вода́ ～ила я́му** об чуқуриро пур кард; **ко́мната ～ена ды́мом** хона пур аз дуд шудааст 2. *перен.* фаро гирифтан; **ра́дость ～ила его́ се́рдце** дили вайро хурсандӣ фаро гирифт

напо́лни||ться *сов.* 1. *кем-чем* пур (лаб ба лаб, лабрез) шудан; **ко́мната ～лась ды́мом** хона пур аз дуд шуд 2. *чем перен.* ба ҷӯш омадан; фаро гирифтан; **её се́рдце ～лось ра́достью** хурсандӣ уро фаро гирифт

наполня́ть *несов. см.* **напо́лнить**

наполня́ться *несов.* 1. *см.* **напо́лниться;** 2. *страд.* пур карда шудан

наполови́ну *нареч.* ним, нима, нисф, нимкора, чала; **дом** ~ **пуст** нисфи хона холӣ; **сде́лать де́ло** ~ корро чала кардан (монондан)

наполоска́ть *сов. что, чего* покоб кардан, чайқондан, об давондан

наполо́ть *сов. что, чего* хишова кардан, хишова карда тоза кардан; ~ **мно́го гря́док** ҷӯякҳои бисьёреро хишова кардан

напо́льн||ый I, -ая, -ое рӯифаршӣ; ~**ые весы́** тарозуи рӯифаршӣ

напо́льн||ый II, -ая, -ое *с.-х.* саҳроӣ; ~**ые передвижны́е устано́вки** асбобҳои сайёри саҳроӣ

напома́дить *сов. что* равған молидан *(одатан ба муи сар ва ришу мӯйлаб)*

напома́диться *сов. разг.* ба муи сари (ришу мӯйлаби) худ равған молидан

напома́живать *несов. см.* **напома́дить**

напомина́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **напо́мнить)** (ба)ёдоварӣ, (ба)хотиррасонӣ 2. огоҳӣ, огоҳкунӣ; **втори́чное** ~ огоҳии дубора

напомина́||ть *несов. см.* **напо́мнить; он мне** ~**ет моего́ дру́га** вай рафиқамро ба ёд меоварад

напо́мни||ть *сов.* 1. *о ком-чём, что* ба ёд овардан, хотиррасон кардан, ба хотир расондан, ба ёд андохтан; ~**ть об обеща́нии** ваъдаро ба ёд овардан; ~**ть о собра́нии** маҷлисро хотиррасои кардан 2. *кого-что кому* монанд намудан, шабеҳ будан, ба ёд овардан; **э́ти места́** ~**ли ему́ ро́дину** ин ҷойҳо ватанашро ба ёдаш оварданд

напопола́м *нареч. прост.* дукафон, ду тақсим, нисф, нима, нисфӣ

напо́р *м* 1. *(по знач. гл.* **напере́ть** 1) фишор, тазьиқ; ~ **воды́** фишорн об; ~ **ве́тра** шиддати бод 2. ҳуҷум, ҳамла, тазьиқ, фишор; **под** ~**ом наступа́ющих войск** дар зери фишори аскарони ҳуҷумкунанда 3. *разг.* исрор, истодагарӣ, устуворӣ, суботкорӣ

напо́ристо *нареч.* бо исрор, исроркорона; **де́йствовать** ~ бо исрор амал кардан

напо́ристость *ж* исроркорӣ, истодагарӣ; ~ **хара́ктера** исроркорӣ

напо́ристый, -ая, -ое (напо́рист, -а, -о) исроркунанда, исроркор(она), босубот; ~ **челове́к** одами исроркор

напо́рн||ый, -ая, -ое ...и фишор, фишорӣ; ~**ые тру́бы** қубурҳои фишорӣ; ~**ый бак** баки фишор

напоро́ть I *сов. что разг.* зада ярадор (захмдор, маҷрӯҳ) кардан; ~ **но́гу на гвоздь** пойро ба мех зада маҷрӯҳ кардан

напоро́ть II *сов. что, чего* 1. кӯки (чоки) *чизеро* кандан 2. *перен. прост.* пӯкидан; ~ **чепухи́** пӯкида мондан

напоро́ться *сов. разг.* 1. *на что* зада харошондан, даррондан, зада ярадор (маҷруҳ) шудан; ~ **на гвоздь** ба мех зада харошондан 2. *на кого-что* нохост вохурдан, дучор (ру ба ру) шудан; ~ **на заса́ду** нохост ба камини душман дучор шудан; ~ **на скала́** ба ҷанҷол дучор шудан

напороши́||ть *сов. безл. чего* барф боридан; **за́ ночь** ~**ло мно́го сне́га** шабона бисьёр барф борид

напорта́чить *сов. прост.* бад кор кардан, расво кардан

напо́ртить *сов.* 1. *что, чего* исроф кардан; ~ **бума́ги** коғаз исроф кардан 2. *кому-чему разг.* зарар (зиён) расонидан

напосле́док *нареч. разг.* дар охири охирон, дар охир, дар натиҷа, охир-уламр

напра́вить *сов.* 1. *что* нигарондан, рост кардан; ~ **ду́ло пистоле́та** мили тапончаро рост кардан // *перен. (сосредоточить)* ҷалб кардан, нигаронидан; ~ **внима́ние на что́-л.** диққатро ба чизе ҷалб кардан; ~ **взор (взгляд)** назар андохтан // *перен. (дать направление)* бурдан, гузарондан, гардондан; ~ **разгово́р в ну́жную сто́рону** гапро ба тарафи даркорӣ гардондан 2. *кого-что* фиристодан, роҳӣ (равона) кардан; ~ **выпускнико́в учи́лища на рабо́ту** тамомкунандагони омузишгоҳро ба кор фиристодан; ~ **к юри́сту** ба назди ҳуқуқшинос фиристодан 3. *что* тез кардан, қайроқ кардан; ~ **бри́тву** покуро тез кардан 4. *что разг.* ташкил (танзим) кардан, ислоҳ кардан, ба роҳ мондан, беҳтар кардан; ~ **рабо́ту** корро ба роҳ мондан ◇ ~ **лы́жи** *куда прост.* равона шудан; ~ **[свои] стопы́ (шаги́)** *куда, к кому* рафтан, равона шудан; ~ **на путь и́стинный (на путь и́стины)** *кого* роҳи ҳақиқатро нишон додан, ба роҳи ҳақ ҳидоят кардан

напра́ви||ться *сов.* 1. равона шудан, рафтан; ~ **к ле́су** ба тарафи ҷангалзор равона шудан 2. *разг.* ба тартиб омадан, ислоҳ шудан, беҳтар шудан

напра́вка *ж (по знач. гл.* **напра́вить** 3, 4) тез кардан(и), қайроқ кардан(и); танзим, беҳтар кардан(и); ~ **бри́твы** тез кардани поку; ~ **станка́** танзими дастгоҳ

направле́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **напра́вить** 1, 2) фиристодан(и), равона (роҳӣ) кардан(и); ~**е специали́стов на рабо́ту** ба кор фиристодани мутахассисон; ~**е по́езда на запа́сный путь** ба роҳи эҳтиётӣ гузарондани поезд 2. самт, роҳи ҳаракат, тараф, ҷониб; **идти́ в се́верном** ~**и** ба самти шимол рафтан 3. *перен.* роҳ, равия; **пра́вильное** ~**е в рабо́те** роҳи дурусти кор 4. *(тенденция, течение)* маслак, ҷараён, равия; **литерату́рное** ~**е** ҷараёни адабӣ 5. *(участок фронта)* тараф, ҷиҳат, самт, суй 6. *(документ)* роҳхат

напра́вленность *ж* 1. хусусият, мақсад; роҳ, ҷиҳат; **иде́йная** ~ **рома́на** мақсади ғоявии роман 2. *тех.* самт; ~ **излуче́ния** самти афканиш

направля́ть *несов. см.* **напра́вить**

направля́ться *несов.* 1. *см.* **напра́виться;** 2. *страд.* фиристода (роҳӣ карда) шудан

направляющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* фиристонанда, равонакунанда, роҳикунанда 2. *прил. тех.* ҳоди; ~**ие ро́лики** чархакҳои ҳоди 3. *в знач. сущ.* **направля́ющая** *ж мат.* ҳоди 4. *в знач. сущ.* **направля́ющий** *м воен.* пешгард

напра́во *нареч.* ба тарафи рост, ба рост; **сверну́ть** ~ ба тарафи рост гаштан // дар тарафи рост; ~ **от доро́ги** дар тарафи рости роҳ ◇ ~ **и нале́во** чапу рост

напрактикова́ться *сов. разг.* малака ҳосил кардан, омухта шудан

напра́слин||а *ж разг.* буҳтон, тӯҳмат; **взвести́** ~**у на кого́-л.** ба касе тӯҳмат кардан

напра́сно 1. *нареч.* беҳуда, бефоида, беҷо; беасос, бар абас 2. *в знач. сказ.* беҳуда (бефоида) аст

напра́сн||ый, -ая, -ое (напра́с|ен, -на, -но) беҳуда, бефоида, беҷо; беасос, бар абас; ~**ые стара́ния** кӯшиши бефоида; ~**ая трево́га** ҳаяҷони беасос

напра́шива||ться *несов.* 1. *см.* **напроси́ться;** 2. худ ба худ пайдо шудан, баромадан; **вы́воды** ~**ются са́ми собо́й** хулосаҳо худ аз худ мебароянд

наприме́р *вводн. сл.* масалан, чунончи

напрока́зить *сов. прост. см.* **напрока́зничать**

напрока́зничать *сов.* бисьёр шӯхӣ (шумӣ) кардан

напрока́т *нареч.* ба иҷора, ба киро; ба орият; **взять пиани́но** ~ пианиноро ба орият гирифтан

напролёт *нареч. разг.* тамом, сар то сар; **он не спал всю ночь** ~ вай тамоми шаб хоб накард

напроло́м *нареч. разг.* дарронда, дударрон; рост, миёнбур карда; **идти́ сквозь за́росли** ~ буттазорро миёнбур карда гузашта рафтан ◇ **идти́ (де́йствовать** *и т. п.)* ~ ҳеҷ чизро ба эътибор нагирифта исроркорона амал кардан

напропалу́ю *нареч. разг.* наандешида, фикр накарда, таваккалан, ҳар чӣ бодо бод гӯён

напроро́чить *сов. что разг.* 1. пайғамбарӣ кардан, пешгуӣ (пешомадгуӣ) кардан, пешакӣ гуфтан 2. шумнафасӣ (шумдаҳонӣ) кардан; ~ **беду́** шумнафасӣ карда бало овардан

напроси́ться *сов. разг.* 1. бо зурӣ худро бор кардан (кунондан), худро ба коре қатӣ кунондан; ~ **в го́сти** зӯран меҳмон шудан 2. *на что* кунондан; ~ **на похвалу́** худро таъриф кунондан

напро́тив 1. *нареч.* [дар] рӯ ба ру, дар тарафи муқобил; **сиде́ть** ~ дар ру ба ру нишастан; **он живёт** ~ вай дар рӯ ба рӯ (дар хонаи тарафи муқобил) истиқомат мекунад 2. *в знач. предлога с род.* [дар] рӯ ба рӯи..., дар муқобили...; ~ **меня́** дар рӯ ба руи ман; ~ **до́ма** дар ру ба рун хона 3. *нареч. уст. прост.* баръакс, чаппа; **он всё де́лает** ~ вай ҳама корро баръакс мекунад 4. *в знач. вводн. сл.* баръакс, билъакс; **он не рассерди́лся,** ~, **сам посмея́лся шу́тке** вай аз шухӣ наранҷид, баръакс, худаш

ахндид 5. *в знач. против. частицы* асло, не, хеҷ не

напрочь *нареч. разг.* тамоман; **оторвать пуговицу** ~ тугмаро тамоман канда гирифтан

напруживать *несов. см.* **напружить**

напруживаться *несов.* 1. *см.* **напружиться**; 2. *страд.* таранг карда шудан

напружинивать(ся) *несов. см.* **напружинить(ся)**

напружинить *сов. что разг.* қаиш (кашишдор) кардан; таранг кардан

напружиниться *сов. разг.* қанш (кашишдор) шудан; таранг шудан

напружить *сов. что разг.* таранг кардан; ~ **мускулы** мушакҳоро таранг кардан

напружи||ться *сов. разг.* таранг шудан; **мускулы** ~**лись** мушакҳо таранг шуданд

напрыгаться *сов. разг.* хуб ҷаҳидан, бисьёр ҷасту хез кардан, бисьёр хез задан

напрыскать *сов. что, чего, чем* пошидан, чошидан, пошида (чошида) тар кардан; ~ **воды на пол** ба рӯи фарш об пошидан; ~ **платок духами** ба рӯймолча атр задан

напрыскивать *несов. см.* **напрыскать**

напрягать *несов. см.* **напрячь**

напрягаться *несов.* 1. *см.* **напрячься**; 2. *страд.* таранг карда шудан; шиддатнок карда шудан

напрядать *несов. см.* **напрясть**

напряжени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **напрячь**) таранг кардан(и); (*по знач. гл.* **напрячься**) тарангшавӣ; ~**е мышц** тарангшавии мушакҳо 2. ҷидду ҷаҳд; диққат; **работать с** ~**ем** бо ҷидду ҷаҳд кор кардан; **слушать с** ~**ем** бо тамоми диққат гуш кардан; 3. *физ., тех.* шиддат; **ток высокого** ~**я** ҷараёни баландшиддат

напряжённо *нареч.* бо шиддат, бо ҷидду ҷаҳд, зӯр зада, бо саъю кушиш; бо тамоми диққат; ~ **работать** бо ҷидду ҷаҳд кор кардан; ~ **всматриваться** чашм дӯхтан; ~ **думать** бо шиддат фикр кардан

напряжённост||ь *ж* 1. шиддатнокӣ, шиддат; ҷиддӣ (сахт) будан(и); ~**ь борьбы** шиддати мубориза; **разрядка** ~**и** паст кардани шиддат; **ослабление** ~**и в международных отношениях** суст шудани шиддати муносибатҳои байналхалқӣ 2. (*неестественность*) сохта (ғайритабиӣ) будан(и) 3. *физ., тех.* шиддатнокӣ

напряжённ||ый, -ая, -ое (напряжён, -на, -но) 1. бошиддат, шиддатнок; зӯр; том; ~**ая борьба** муборизаи бошиддат 2. ҷиддӣ, сахт; вайрон, бад; ~**ые взаимоотношения** муносибаги вайрон; ~**ое положение** ҳолати ҷиддӣ 3. сохта, ғайритабиӣ, зуракӣ; ~**ый голос** овози ғайритабиӣ (сохта); ~**ый смех** хандаи зуракӣ

напрямик *нареч. разг.* 1. рост, миёнбур карда; **идти** ~ миёнбур карда рафтан 2. *перен.* рӯйрост, кушода, кушоду равшан; **сказать** ~ руйрост гуфтан

напрямки *нареч. прост. см.* **напрямик**

напрясть *сов. что, чего* ресидан, ресида тайёр кардан; ~ **шерсти** пашм ресидан

напрятать *сов. что, чего разг.* пинҳон (руст) кардан, ҷого кардан (*чизи бисьёреро*)

напрячь *сов. что* 1. таранг кардан; ~ **мышцы** мушакҳоро таранг кардан 2. *перен.* зур (баланд) кардан; ~ **голос** овозро баланд кардан; ~ **внимание** диққатро зӯр кардан

напря||чься *сов.* 1. таранг шудан; **мускулы** ~**глись** мушакҳо таранг шуданд 2. *перен.* зур задан; **все силы** ~**глись** зӯр задан 3. беҷо шудан; **его лицо** ~**глось** андомаш беҷо шуд

напугать *сов. кого-что* тарсондан, ваҳмондан, ба воҳима андохтан, рамондан, бим додан

напугаться *сов.* тарсидан, ваҳмидан, ба ваҳима афтидан, ба бим афтодан

напудривать *несов. см.* **напудрить**

напудриваться *несов.* 1. *см.* **напудриться**; 2. *страд.* упо зада шудан

напудрить *сов. кого-что* упо задан; ~ **лицо** ба руй упо задан

напудриться *сов.* ба рӯи худ упо задан

напульсник *м* набзбанд

напуск *м* 1. (*по знач. гл.* **напустить** 2) сар додан(и), сардиҳӣ; ~ **воды в бассейн** обсардиҳӣ ба ҳавз 2. домани овезони курта; **платье с** ~**ом** куртаи доманаш овезон // (*у сапог*) чин, чини соқи мӯза 3. *охот.* гиркиш додани саг

напускание *с см.* **напуск** 1

напускаться *несов.* 1. *см.* **напуститься**; 2. *страд.* сар дода шудан

напускн||ой, -ая, -ое рӯякӣ, қалбакӣ, сохта, зӯракӣ; ~**ое равнодушие** бепарвоии рӯякӣ; ~**ая весёлость** шодмонии сохта

напустить *сов.* 1. *кого-что разг.* мондан, даровардан, шинондан; ~ **жильцов в дом** иҷоранишини бисьёреро дар ҳавлӣ ҷой додан 2. *что, чего* сар додан; сар дода пур кардан; ~ **полную ванну воды** ба ванна об сар дода пур кардан; ~ **дыму в комнату** хонаро пур аз дуд кардан 3. *что в сочет. с «на себя» разг.* худро вонамуд кардан, худро нишон додан, худро ба ҳолате задан; ~ **на себя строгость** ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифтан 4. *кого-что на кого-что* киш-киш додан, сар додан; ~ **собак на волка** сагҳоро ба гург гиркиш (киш-киш) додан // *перен.* иғво кардан (додан), васваса кардан, барангехтан 5. *что на что разг.* кашидан, пеш кашидан, фуровардан; ~ **волосы на лоб** муйро ба пешона фуровардан ◇ ~ **страху** *на кого* тарсондан, ба воҳима андохтан; ~ **туману** *во что, на что* корро печ дар печ (чигил) кардан

напуститься *сов. на кого-что разг.* дарафтодан, ҳуҷум кардан, ҷанг (коҳиш) кардан; ~ **на шалуна** бачаи шӯхро ҷанг кардан

напутать *сов.* 1. *что, чего* чигил (дарҳам-барҳам) кардан; ~ **ниток** ресмонҳоро чигил кардан 2. *в чём* хато (саҳв, иштибоҳ, ғалат) кардан; ~ **в подсчётах** дар ҳисоб хато кардан

напутственн||ый, -ая, -ое ...и хайрбод; ~**ое слово** сухани хайрбод

напутствие *с* хайрбод

напутствовать *сов., несов. кого-что* хайрбод кардан (гуфтан)

напутывать *несов. см.* **напутать**

напухание *с* (*по знач. гл.* **напухнуть**) варам (дам) кардан(и)

напухать *несов. см.* **напухнуть**

напухнуть *сов. разг.* варам (дам) кардан

напыживаться *несов. см.* **напыжиться**

напыжиться *сов. разг.* 1. зӯр (кӯшиш) кардан; ~ **изо всех сил** зӯр зада тамоми қувваро ба кор бурдан 2. *перен.* ба худ қиёфаи мағрурона гирифтан

напылить *сов.* чанг кардан (бардоштан)

напыщенно *нареч.* 1. мутакаббирона, худписандона, ҳавобаландона, мағрурона; **держаться** ~ мағрурона рафтор кардан 2. дабдабанок, пуртумтароқ; ~ **читать** дабдабанок (бо дабдаба) хондан

напыщенность *ж* 1. такаббур, ғурур, мағрурӣ, ҳавобаландӣ 2. дабдабанокӣ, пуртумтароқ; ~ **речи** дабдабанокии сухан

напыщенный, -ая, -ое (напыщен, -а, -о) 1. пурғурур, мағрур(она), мутакаббир(она), ҳавобаланд(она); ~ **вид** қиёфаи ҳавобаландона 2. дабдабанок, пуртумтароқ; ~ **слог** услуби пуртумтароқ

напяливать *несов. см.* **напялить**

напяливаться *несов. страд.* таранг кашида шудан; ба зур пӯшида шудан

напяли||ть *сов. что* 1. (*натянуть на пяльцы и т. п.*) ба чамбарак таранг кашидан (*матоъро барои гулдузӣ*) 2. *разг.* (*надеть с трудом*) таранг карда пӯшидан, ба зӯр пӯшидан; **он еле** ~**л на себя куртку** вай нимтанаро бо зӯр пушид // (*надеть что-л. неподходящее*) чизи номуносиб (ғайриоддӣ) пӯшидан

нар= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «халқӣ»:* **нарком** нарком, комиссари халқӣ; **нарсуд** суди халқӣ

нарабатывать *несов. см.* **наработать**

нарабатываться *несов.* 1. *см.* **наработаться**; 2. *страд.* кор карда шудан

наработать *сов. что, чего* 1. (*сделать*) кор кардан, кор карда баровардан (тайёр кардан); 2. (*заработать*) кор карда ёфтан

наработаться *сов. разг.* бисьёр (хуб) кор кардан; бисьёр кор карда монда шудан

наравне *нареч. с кем-чем* 1. баробар; баробари..., катори...; ~ **с крышей дома** баробари боми хона 2. [дар] баробари..., як хел, яксон; **трудиться** ~ **со всеми** [дар] баробари ҳама меҳнат кардан

нарад||оваться *сов. на кого-что, кому-чему и без доп., обычно с отриц. или с гл. «мочь»* хуб хурсанд (шод) шудан; аз дидор сер шудан; **мать**

не ~уется на сына модар аз [дидори] писараш сер намешавад

нараспашку *нареч. разг.* кушода, тугма нагузаронда; **идти в пальто** ~ тугмаҳои пальторо нагузаронда рафтан ◇ **душа** ~ одами кушодадил

нараспев *нареч.* мад кашида; **говорить** ~ мад кашида гап задан

нарастание *с* (*по знач. гл.* **нарастать** *и* **нарасти**) зиёдшавӣ, афзоиш, афзудан(и), болоравӣ; ~ **революционного движения** болоравии ҳаракати революционӣ; ~ **темпа в работе** баланд шудани суръати кор

нараста||ть *несов.* 1. *см.* **нарасти**; 2. зиёд шудан, афзудан, боло рафтан; **скорость** ~ет суръат меафзояд

нарасти *сов.* 1. сабзидан, руидан, ба болои *чизе* рӯидан; **на камнях нарос мох** ба болои сангҳо ушна руидааст; **наросло много деревьев** дарахти бисьёре сабзид 2. ҷамъ (ғун) шудан, зиёд шудан (*дар бораи фоиз, қарз ва ғ.*)

нарастить *сов.* 1. *что* калон кардан; ~ **мускулы** мушакҳоро калон кардан 2. *что* дароз(тар) кардан 3. *что, чего разг.* сабзондан, руёндан 4. *что, чего разг.* ҷамъ (ғун) кардан, зиёд кардан (*дар бораи фоиз, қарз ва ғ.*)

нарасхват *нареч. разг.* даст ба даст нарасонда, талошкунон; **эту книгу покупают** ~ ин китобро талошкунон мехаранд

наращение *с* 1. (*по знач. гл.* **нарастить** 2, 4) дароз(тар) кардан(и); ҷамъ (ғуи) кардан(и), зиёд кардан(и); ~ **капитала** зиёд кардани капитал 2. *грам.* часпак 3. (*наращённая часть*) қисми пайвандӣ

наращивание *с см.* **наращение** 1

наращивать *несов.* 1. *см.* **нарастить**; 2. *что* зиёд (бисьёр) кардан, афзоёндан, афзун (васеъ, калон) кардан; ~ **темпы** суръатро тезондан

наращива||ться *несов.* 1. зиёд (бисьёр) шудан, афзудан, васеъ (калон) шудан, вусъат ёфтан; ~**ются темпы производства** суръати истеҳсолот меафзояд 2. *страд.* зиёд карда шудан, васеъ (калон) карда шудан

нарвал *м зоол.* нарвал (*ҳайвони баҳрӣ аз оилаи дельфинҳо*)

нарвать I *сов. что, чего* 1. чиндан, чидан, кандан; ~ **букет цветов** як даста гул чидан; ~ **травы** алаф кандан 2. *разг.* даррондан, пора (майда) кардан; ~ **бумаги** коғаз пора кардан ◇ ~ **уши** *кому прост.* гушмол додан

нарва||ть II *сов.* варам кардан, чирк баровардан, газак гирифтан; **палец** ~л ангушт газак гирифт; **десну** ~ло *безл.* милки дандон варам кард

нарваться *сов. на кого-что разг.* нохост дучор шудан, ногаҳон ру ба ру шудан, бархурдан; ~ **на неприятность** ба ноомади кор дучор шудан

наргиле *м, с нескл.* қальён

нареветься *сов. разг.* гирьяву фиғон бардоштан

нарез *м* 1. печ, рах, чок; ~**ы в стволе орудия** раҳҳои мили туп 2. *ист.* қитъаи замин

нарезание *с см.* **нарезка** 1

нарезать *сов.* 1. *что, чего* пора кардан, буридан; ~ **хлеба** нон буридан 2. буридан, кандан, шикастан; ~ **веток** шоха буридан; ~ **букет цветов** як даста гул кандан 3. *что* печдор кардан, рахдор кардан; ~ **винт** винт печдор кардан 4. *что, чего разг.* ҷудо карда додан, тақсим карда додан; ~ **участки под огороды** барои обчакорӣ замин ҷудо карда додан 5. *что* озор додан, харошидан; **рюкзак нарезал мне плечи** тасмаҳон борхалта кифтҳоямро озор доданд

нарезать *несов. см.* **нарезать**

нареза||ться *сов.* 1. бурида шудан; **сыр тонко** ~**лся** панир тунук бурида шуд 2. *груб. прост.* сахт маст шудан

нарезаться I *несов. страд.* бурида шудан; рахдор карда шудан

нарезаться II *несов. см.* **нарезаться**

нарезвиться *сов. разг.* бисьёр шухӣ (бозӣ) кардан

нарезка *ж* 1. (*по знач. гл.* **нарезать**) буриш; ҷудо карда додан(и); рахпеч баровардан(и); рахпеч кардан(и) 2. рахпеч; ~ **ствола орудия** рахпечи мили туп; ~ **гайки стёрлась** рахпечи мурват хурда шудааст

нарезной, -ая, -ое рахпечи; ~ **ствол** мили рахпечи

нарезывать *несов. см.* **нарезать**

нарезываться I *несов. см.* **нарезаться**

нарезываться II *несов. см.* **нарезаться**

нарекани||е *с* маломат, сарзаниш, итоб, коҳиш, танбеҳ; **вызвать** ~я гап шунидан

нарекать *несов. см.* **наречь**

нарекаться *несов.* 1. *см.* **наречься**; 2. *страд.* ном дода шудан, номида шудан

наречённый, -ая, -ое 1. *прич.* номидашуда, ном додашуда 2. *в знач. сущ.* **наречённый** *м*, **наречённая** *ж уст.* номзад, номзадшуда

наречие I *с лингв.* лаҳҷа, шева

наречие II *с грам.* зарф

наречн||ый, -ая, -ое ...и зарф, зарфӣ; ~**ые сочетания** ибораҳои зарф; ~**ое выражение** ифодаи зарф

наречь *сов. кого-что уст.* 1. ном додан (ниҳодан), номидан; ~ **Петром** Пётр номидан 2. (*объявить кем-чем-л.*) эълон кардан

наречься *сов. уст.* ба худ ном гирифтан

нарзан *м* нарзан, оби нарзан (*оби минералӣ*)

нарзанн||ый, -ая, -ое ...и нарзан, нарзанӣ, ...и оби нарзан; ~**ый источник** чашмаи оби нарзан; ~**ые ванны** ваннаҳои нарзанӣ

нарисовать *сов. кого-что* 1. кашидан, расм кашидан 2. *перен.* тасвир кардан; ~ **картину будущего** манзараи ҳаёти ояндаро тасвир кардан

нарисоваться *сов. безл.* тасвир ёфтан

нарицательн||ый, -ая, -ое: **имя** ~**ое** 1) *грам.* исми ом, исми ҷинс; 2) *лит.* чизи типӣ (*мас.* қаҳрамон, *ҳодиса ва ғ.*)

наркоз *м мед.* наркоз (*ба таври сунъӣ беҳис кардани ягон узви бадан ва ё тамоман мадҳуш кардани касе*); **операция под** ~**ом** операция бо наркоз; **местный** ~ наркози ҷузъӣ; **общий** ~ наркози умумӣ

наркозный, -ая, -ое ...и наркоз

нарком *м* (*народный комиссар*) *ист.* нарком, комиссари халқӣ

наркоман *м мед.* гиёҳманд, нашъаманд

наркомания *ж мед.* гиёҳмандӣ, нашъамандӣ

наркомат *м* (*народный комиссариат*) *ист.* наркомат, комиссариати халқӣ

наркотизация *ж* (*по знач. гл.* **наркотизировать**) наркотизация, наркоз кардан(и)

наркотизировать *сов., несов. кого-что мед.* наркоз кардан, бо наркоз беҳуш (беҳис) кардан

наркотизироваться 1. *сов., несов. мед.* бо наркоз беҳуш (беҳис) шудан 2. *несов. страд.* бо наркоз беҳуш карда шудан

наркотики *мн.* (*ед.* **наркотик** *м*) анвои нашъа

наркотическ||ий, -ая, -ое 1. ...и нашъа, нашъадор; ~**ие средства** доруҳои нашъадор; ~**ие растения** гиёҳҳои нашъадор 2. ...и мадҳушӣ; ~**ое состояние** ҳолати мадҳушӣ

народ *м* 1. халқ, мардум; **советский** ~ халқи советӣ 2. *тк. ед.* одамон, мардум, халқ; **трудовой** ~ халқи меҳнаткаш ◇ **на** ~**е** дар миёни мардум; **на весь** ~ *уст.* бо тамоми овоз; **глас** ~**а** раъйи мардум

народец *м разг. ласк. и унич. к* **народ** 2; **ну и** ~! аҷаб одамонанд!

народить *сов. что, кого-чего разг.* зоидан, бисьёр зоидан, сернасл шудан

народи||ться *сов.* 1. *разг.* ба дунъё омадан, таваллуд ёфтан (шудан), зоида шудан; ~**лось новое поколение** насли нав таваллуд ёфт 2. *перен.* ба вуҷуд омадан, пайдо шудан; ◇ **месяц** ~**лся** *прост.* моҳ нав шуд

народник *м ист.* халқчӣ

народническ||ий, -ая, -ое *ист.* ...и халқчигӣ; ~**ие идеи** ғояҳои халқчигӣ

народничество *с ист.* халқчигӣ (*идеология ва ҳаракати интеллигенцияи разночинӣ дар марҳалаи буржуазии демократии мубориза озодихоҳӣ дар Россия — дар солҳои 1861—1895; манфиати деҳқононро ифода карда бо воситаи революцияи деҳқонон ҳокимияти подшоҳиро сарнагун кардан мехост*)

народно-демократический, -ая, -ое халқии демократӣ, ...и демократияи халқӣ; ~ **строй** сохти демократияи халқӣ

народно-освободительн||ый, -ая, -ое халқии озодихоҳона; ~**ое движение** ҳаракати халқии озодихоҳона

народнопоэтическ||ий, -ая, -ое ...и назми халқӣ; ~**ое произведение** асари назми халқӣ

народност||ь *ж* 1. халқ, халқият; ~**и Востока** халқҳои Шарқ; ~**и Се-**

вера халқҳои Шимол 2. халқӣ будан(и); халқият; ~ь **совéтской литератýры** халқӣ будани адабиёти советӣ

народнохозя́йственный, -ая, -ое ...и хоҷагии халқ; ~ **план** плани хоҷагии халқ

нарóдн||ый, -ая, -ое (нарóд|ен, -на, -но) *в разн. знач.* ...и халқ, халқӣ; ~**ое твóрчество** эҷодиёти халқ; ~**ая демокрáтия** демократияи халқӣ; ~**ое хозя́йство** хоҷагии халқ; ~**ый суд** суди халқӣ; ~**ый артúст респýблики** артисти халқии республика ◇ **«Нарóдная вóля»** *ист.* «Народная воля» *(номи ташкилоти махфии сиёсии халқчиҳо дар солҳои 80-уми асри 19 дар Россия)*; ~**ые мстúтели** интиқомҷӯёни халқ; ~**ое ополчéние** лашкари ихтиёрӣ

народовéдение *с уст.* халқшиносӣ

народовлáстие *с* ҳокимияти халқ

народовóлец *м ист.* народоволец *(аъзои «Народная воля» ном ташкилоти махфии сиёсии халқчиҳо)*

народовóльческий, -ая, -ое *ист.* ...и народоволец, ...и «Народная воля»

народонаселéни||е *с* аҳолӣ, нуфус; **увеличéние** ~я афзоиши аҳолӣ

нарожáть *сов. см.* **народúть**

нарождáться *несов. см.* **народиться**

нарождéние *с (по знач. гл.* **народúться**) тавлид, бавуҷудой, пайдоиш, пайдошавӣ

нарóст *м* 1. ҷоғар, ғуррӣ; ~ **на дéреве** ғуррии дарахт 2. *(накипь, осадок)* карахш

нарочúто *нареч.* қасдан; намоишкорона

нарочúтость *ж* барқасдӣ, барқасдона (намоишкорона) будан(и)

нарочúт||ый, -ая, -ое (нарочúт, -а, -о) барқасд, қасдан кардашуда; намоишкорона; ~**ая грýбость** дағалии барқасд

нарочно *нареч.* 1. қасдан, дидаву дониста; **я** ~ **пришёл, чтóбы предупредúть вас** ман қасдан омадам, ки ба шумо пешакӣ хабар диҳам // *(назло)* барқасд, қасдан, бадқасдона 2. ҳазилакӣ, ба тариқи ҳазл; **я** ~ **э́то сказáл, вы не обижáйтесь** ман инро ба тариқи ҳазл гуфтам, шумо наранҷед ◇ **как (бýдто, слóвно, тóчно)** ~ *в знач. вводн. сл.* қасд кардагӣ барин; **как** ~, **пошёл дождь** қасд кардагӣ барин, борон борид

нарóчн||ый *м* қосид, паёмбар, номабар; **послáть** ~**ого** қосид фиристодан

нарсýд *м* (нарóдный суд) суди халқӣ

нáртенн||ый, -ая, -ое *см.* **нáртовый**; ~**ая дорóга** роҳи чанагард

нáртов||ый, -ая, -ое ...и чана; чанагард; ~**ые полóзья** кушқораки чана; ~**ый путь** роҳи чанагард

нáрты *мн.* (*ед.* **нáрта** *ж*) чана

нарубáние *с (по знач. гл.* **нарубúть**) буридан(и), кафондан(и)

нарубáть I *несов. см.* **нарубúть**

нарубáть II *сов. что, чего* кандан *(ангишт, маъдан)*

нарубúть *сов. что, чего* 1. буридан, кафондан, бурида (кафонда) тайёр кардан; ~ **лéсу** дарахт буридан; ~ **дров** ҳезум кафондан 2. реза (пора) кардан; ~ **капýсты** карам реза кардан

нарýбка *ж* 1. *(по знач. гл.* **нарубúть** *и* **нарубáть** II) буридан(и), кафондан(и); кандан(и) 2. аломат, нишона, пай

наругáться *сов. разг.* бисьёр ҷанг кардан, бисьёр ҳақорат (дашном) додан

нарýжно *нареч. книжн.* зоҳиран, дар зоҳир

нарýжность *ж* шакли зоҳирӣ, афт, шаклу шамоил, қиёфа; **приятная** ~ қиёфаи дилкаш

нарýжн||ый, -ая, -ое 1. берунӣ, зоҳирӣ; ~**ая стенá** девори берунӣ; ~**ый вид** намуди берунӣ 2. *(показной)* зоҳирӣ, руякӣ 3. *мед.* молиданӣ; ~**ые лекáрства** доруҳои молиданӣ // *в знач. сущ.* **нарýжное** *с* доруи молиданӣ

нарýжу *нареч.* 1. ба берун, берун; берун баромадан; **шýба мéхом** ~ пустини абрааш муина 2. *перен.* ошкор, фош; **вы́йти** ~ ошкор (маълум) шудан; **вы́вести** ~ *что* ошкор кардан; ба руи об баровардан ◇ **весь (вся)** ~ *с кем и без доп.* одами кушодадил; **всё** ~ *у кого и без доп.* дилаш кушода

нарукáвники *мн.* (*ед* . **нарукáвник** *м*) остинча, руиостин

нарукáвн||ый, -ая, -ое руиостинӣ; ~**ая повя́зка** бандинаи рӯиостинӣ

нарумя́нивать *несов. см.* **нарумя́нить**

нарумя́ниваться *несов.* 1. *см.* **нарумя́ниться**; 2. *страд.* сурхӣ молида шудан

нарумя́ни||ть *сов. кого-что* 1. сурхӣ молидан; ~**ть щёки** ба рӯй сурхӣ молидан 2. сурх (суп-сурх, гулгун) кардан; **морóз** ~**л лицó** сармо руйро суп-сурх кард

нарумя́ниться *сов.* ба худ сурхӣ молидан

нáручни *мн. уст. см.* **нарýчники**

нарýчники *мн* (*ед.* **нарýчник** *м*) кишани даст, завлонаи даст, дастбанд; **надéть** ~ ба даст кишан андохтан

нарýчн||ый, -ая, -ое дастӣ; ~**ые часы́** соати дастӣ

нарушáть *несов. см.* **нарýшить**

нарушáться *несов. страд.* вайрон карда шудан, халал расонда шудан

нарушéние *с (по знач. гл.* **нарýшить**) вайрон кардан(и), риоя накардан(и), таҷовуз кардан(и); *(по знач. гл.* **нарýшиться**) вайроншавӣ, қатъ шудан(и); ~ **дисциплúны** вайрон кардани интизом; ~ **прáвил ýличного движéния** вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ; ~ **обмéна вещéств** вайроншавии мубодилаи моддаҳо

нарушúтел||ь *м* вайронкунанда, халалдиҳанда, халалрасонанда, риоянакунанда, таҷовузгар; ~**и трудовóй дисциплúны** вайронкунандаҳои интизоми меҳнат

нарýшить *сов. что* 1. вайрон кардан, халал додан, халал расондан, буридан, қатъ кардан; ~ **молчáние** хомуширо вайрон кардан; ~ **сон** хобро ҳаром кардан 2. *(преступить)* вайрон кардан, риоя накардан, таҷовуз кардан; ~ **дисциплúну** интизомро вайрон кардан; ~ **границу** аз хатти сарҳад пинҳонӣ гузаштан

нарýши||ться *сов.* вайрон (қатъ) шудан; **сон** ~**лся** хоб ҳаром шуд

нарцúсс *м бот.* наргис

нарцúссов||ый, -ая, -ое наргисӣ, ...и наргис; ~**ая лýковица** пиёзаки наргис

нáр||ы *тк. мн.* тахтакат; **спать на** ~**ах** дар тахтакат хоб кардан

нары́в *м* дунбал, пучак, чипқон, шабушак

нарывáть I *несов. см.* **нары́ть**

нарывáть II, III *несов. см.* **нарвáть** I, II

нарывáться *несов. см.* **нарвáться**

нарывнóй, -ая, -ое римкаш, фасодкаш; ~ **плáстырь** марҳами римкаш

нары́вн||ый, -ая, -ое римдор; ~**ая повéрхность** ҷои римдор

нары́ть *сов. что, чего* 1. кофтан, кандан; ~ **канáв** ҷуйбор кофтан 2. кофта (канда) гирифтан, кофта (канда) баровардан; ~ **мешóк картóфеля** як ҷувол картошка кофта гирифтан

наря́д I *м (одежда)* пушок, либос, сару либос; **дорогúе** ~**ы** пушок(ҳо)и қиматбаҳо

наря́д II *м* 1. супоришнома; рухсатнома; ~ **на ýголь** рухсатнома барои гирифтани ангишт 2. *воен.* дастаи аскарон *(барои иҷрои кори махсусе таъиншуда)*; **быть в** ~**е** дар наряд истодан; **назнáчить в** ~ ба наряд таъин кардан; ~ **вне óчереди** наряди ғайринавбатӣ; **сторожевóй погранúчный** ~ дастаи посбонони сарҳад

нарядúть I *сов. кого-что* оростан, оро додан, зинат (ороиш) додан, либоси ороста пушондан; ~ **невéсту** арусро оро додан // *кем, во что* пушондан; ~ **клóуном** либоси масхарабозӣ пӯшондан

нарядúть II *сов. кого-что* 1. наряд додан, фиристодан, роҳӣ (равона) кардан; ~ **подвóды за лéсом** аробаҳоро барои чубу тахтакашонӣ фиристодан 2. *воен.* ба наряд таъин кардан; ~ **в карáул** ба қаровулӣ таъин кардан

нарядúться *сов.* худро оро (зинат, ороиш) додан, пушоки ғалатӣ пушидан, оро-торо кардан; ~, **как на бал** бисьёр худро оро додан // *кем, во что* пушидан; ~ **клóуном** либоси масхарабозӣ пушидан

наря́дно *нареч.* зебо, идона; ~ **одéться** идона либос пушидан

наря́дность *ж* зебоӣ, зинат, ороиш, оростагӣ; ~ **убрáнства** зебоии бисот

наря́дн||ый I, -ая, -ое (наря́д|ен, -на, -но) *(о человеке)* хушсарулибос, озода, ороста; *(об одежде и т. п.)* зебо, бошукуҳ, ороста; ~**ая дéвушка** духтари ороста; ~**ое плáтье** либоси зебо

наря́дн||ый II, -ая, -ое 1. ...и наряд, бо наряд; ~**ая рабóта** кори бо наряд 2. *в знач. сущ.* **наря́дная** *ж разг.* нарядхона; посбонхона

нарядý *нареч. с кем-чем* дар қатори..., дар баробари ...; ~ **с лýчшими** дар қатори беҳтаринҳо ◇ ~ **с э́тим** дар баробари ҳамин, дар айни замон

наря́дчик *м* нарядчӣ, наряддиҳанда

наряжáть I, II *несов. см.* **нарядúть** I, II

наряжа́ться I *несов. см.* **наряди́ться**

наряжа́ться II *несов. страд.* фиристода шудан, рохӣ карда шудан

нас *род., вин., предл. от* **мы**

насади́ть *сов.* 1. *что, чего* шинондан; ~ **тополе́й** дарахтони сафедор шинондан 2. *что, кого-чего разг.* шинондан, ҷойгир кардан; ҷой додан; ~ **по́лную маши́ну люде́й** як мошин одам ҷойгир (савор) кардан 3. *кого-что на что* андармон кардан; шинондан; ~ **червяка́ на крючо́к** кирмро ба шасти моҳигирӣ андармон кардан; ~ **топо́р на топори́ще** ба табар даста шинондан

наса́дк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **насади́ть** 4) гузарониш, гузарондан(и), шинондан(и); ~**а топора́ иа топори́ще** шинондани даста ба табар; ~**а червяка́ на крючо́к** гузарондани кирм ба шасти моҳигирӣ 2. *рыб.* мулуҳ, хурхурак 3. *тех.* мулҳақа (*қисми ба чизе шинонда мешудагии асбоб ё аппарат*)

насажа́ть *сов.* 1. *см.* **насади́ть** 1, 2; 2. *чего прост.* задан; ~ **синяко́в** зада кабуд кардан, зада варам кунондан

насажда́ть *несов. что* ҷорӣ кардан, паҳн кардан; ~ **но́вую те́хнику** техникаи навро ҷорӣ кардан

насажда́ться *несов. страд.* ҷорӣ (паҳн) карда шудан

насажде́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **насади́ть** 1 *и* **насажда́ть**) шинондан(и), шинониш; ҷорӣ (паҳн) кардан(и); ~**е культу́ры** паҳн кардани маданият 2. *чаще мн.* **насажде́ния** дарахтзор, ниҳолзор; **зелёные** ~**я** дарахтзор, дарахтони дастпарвар

наса́живание *с* (*по знач. гл.* **насади́ть** 1, 3, 4) шинондан(и); гузарондан(и)

наса́живать *несов. см.* **насади́ть** 1—3

наса́живаться I *несов. страд.* шинонда шудан; гузаронда шудан

наса́живаться II *несов. см.* **насе́сть** 1

наса́ливание I *с* (*по знач. гл.* **наса́лить**) равғанмолӣ, равғанзанӣ, чарбумолӣ

наса́ливание II *с* (*по знач. гл.* **насоли́ть**) намакин кардан(и)

наса́ливать I *несов. см.* **наса́лить**

наса́ливать II *несов. см.* **насоли́ть**

наса́лить *сов. что разг.* равған молидан (задан), чарбу молидан

насанда́ливать *несов. см.* **насанда́лить**

насанда́лить *сов. что* 1. сандал молидан 2. *перен. прост.* молидан, задан; ~ **сапоги́ ва́ксой** ба муза вакса молидан ◇ ~ **нос** *прост.* маст шудан

наса́сывать *несов. см.* **насоса́ть**

наса́сываться *несов.* 1. *см.* **насоса́ться**; 2. *страд.* кашида рехта шудан

наса́харивать *несов. см.* **наса́харить**

наса́харить *сов. что разг.* қанд (шакар) андохтан, шакар пошидан, ширин кардан; ~ **те́сто** ба хамир шакар андохтан

насве́рливать *несов. см.* **насверли́ть**

насверли́ть *сов. что, чего* парма кардан, бо парма сурох кардан; ~ **отве́рстий** сӯрохи бисьёре кардан

насвиста́ть(ся) *см.* **насвисте́ть(ся)**

насвисте́ть *сов. что разг.* ҳуштак кашидан

насвисте́ться *сов.* бисьёр ҳуштак кашидан

насви́стывание *с* (*по знач. гл.* **насвисте́ть**) ҳуштаккашӣ

насви́стывать *несов.* 1. *см.* **насвисте́ть**; 2. *что и без доп.* паст-паст ҳуштак кашидан; ~ **про себя́** худ ба худ паст-паст ҳуштак кашидан 3. *что и без доп.* (*о птицах*) хондан, сароидан

насева́ть *несов. см.* **насе́ять**

наседа́||ть *несов.* 1. *см.* **насе́сть** 2, 3; 2. *разг.* зер кардан, фишор овардан; ҳуҷум карда фишор овардан; **толпа́** ~**ла** издиҳом зер карда меомад; ~**ть на проти́вника** ба душман фишор овардан

насе́дка *ж* мокиёни курк

насе́ивать *несов. см.* **насе́ять**

насека́ть *несов. см.* **насе́чь**

насека́ться *несов. страд.* рахдор карда шудан

насеко́мое *с* ҳашарот

насекомоя́дн||ый, -ая, -ое 1. ҳашаротхӯр; ~**ые пти́цы** паррандаҳои ҳашаротхур; ~**ые расте́ния** растаниҳои ҳашаротхур 2. *в знач. сущ.* **насекомоя́дные** *мн. зоол.* ҳашаротхурҳо

населе́ни||е 1. (*по знач. гл.* **насели́ть**) маскун (обод) кардан(и), одамшинонӣ; (*по знач. гл.* **насели́ться**) маскун (обод) шудан(и) 2. аҳолӣ, нуфус; **пло́тность** ~**я** зичии аҳолӣ // *разг.* сокинон, бошандагон, аҳл, мардум; **всё** ~**е до́ма вы́сыпало на у́лицу** ҳамаи сокинони хона ба куча баромаданд

населённость *ж* зичии аҳоли; ~ **госуда́рства** зичии аҳолии давлат

населённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* маскун (обод, аҳолидор) кардашуда 2. *прил.* маскун, обод, аҳолидор, одамдор, сераҳолӣ; ~**ая кварти́ра** квартираи одамдор

насели́ть *сов. что* маскун (обод, аҳолидор) кардан, одам шинондан, аҳолинишин кардан; ~ **но́вый дом** ба хонаи нав одам шинондан

насели́ться *сов.* маскун (обод, аҳолидор) шудан, аҳолинишин шудан

насе́льник *м уст. книжн.* (*коренной житель*) аҳли тагҷой

населя́ть *несов.* 1. *см.* **насели́ть**; 2. истиқомат кардан, сокин будан

населя́ться *несов.* 1. *см.* **насели́ться**; 2. *страд.* маскун карда шудан

насе́ст *м* ходачан катаки мурғ

насе́||сть *сов.* 1. нишастан, ҷойгир шудан; **в ло́дку** ~**ло мно́го наро́ду** ба қаиқ одами бисьёре нишаст 2. нишастан, зер кардан; ~**ла пыль** чанг нишаст 3. *на кого разг.* пахш (зер) кардан // *перен.* аз думболи *касе* кашол шудан, чаққидан, гаранг кардан

насе́чк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **насе́чь**) пайканӣ, пай кардан(и), аломатгузорӣ; дандонабарорӣ 2. рах, печ; ~**а стёрлась** печ хурда шудааст; ~**а на напи́льнике** рахи суҳон 3. заркубӣ; **ружьё с золото́й** ~**ой** милтики заркуб

насе́чь *сов.* 1. *что, чего* пора (реза) кардан; ~ **капу́сты** карам реза кардан 2. *что, чего* (*вырубить, высечь*) пай кандан (кардан), аломат гузоштан 3. *что* рахдор (печдор) кардан; дандона баровардан; ~ **напи́льник** суҳонро рахдор кардан

насе́ять *сов. что, чего* 1. коштан, коридан, киштан; ~ **пшени́цы** гандум коридан 2. бехтан; ~ **мешо́к муки́** як халта орд бехтан

насиде́ть *сов. что* 1. (*о птице*) чуҷа баровардан 2. *прост.* аз бисьёр шиштан ба ягон касалӣ дучор шудан; ~ **геморро́й** аз бисьёр шиштан бавосир шудан

насиде́ться *сов. разг.* 1. хеле (бисьёр) нишастан, нишаста мондан; ~ **взаперти́** дар хонаи дарбаста бисьёр нишастан 2. *в сочет. с предлогом «без» и сущ. в род.* мондан, дуру дароз нишастан; ~ **без де́ла** дуру дароз бекор нишастан; ~ **без де́нег** бепул мондан, бисьёр бепулӣ кашидан

наси́женн||ый *прич.* (**насижен**, -а, -о) гарм кардашуда (*бо гармии бадан*) ◇ ~**ое ме́сто (гнездо́)** ҷои одатӣ

наси́живать *несов. см.* **насиде́ть**

наси́лие *с* 1. ҷабр, ҷавр, зулм, зурӣ, таҷовуз, тааддӣ 2. маҷбур (водор) кардан(и), зурӣ; **примени́ть** ~ зурӣ кардан

наси́лование *с* (*по знач. гл.* **наси́ловать**) зӯрӣ, таҷовуз

наси́ловать *несов.* 1. *кого* ба номус таҷовуз кардан, зурӣ кардан 2. *кого-что* маҷбур (водор, зӯрӣ) кардан; ~ **чью-л. во́лю** ба касе зурӣ кардан

наси́лу *нареч. разг.* ба зур, ба зурӣ, бо душворӣ; ~ **его́ добуди́лся** ба зур вайро бедор кардам

наси́льник *м* ҷабркунанда, зӯрикунанда, таҷовузгар

наси́льничать *несов. разг.* чабр (ҷавр, зӯрӣ) кардан, таҷовуз (тааддӣ) кардан

наси́льнический, -ая, -ое ҷабрӣ, зӯровар(она), таҷовузкор(она)

наси́льно *нареч.* маҷбуран, ҷабран, зӯран, бо зурӣ; ~ **мил не бу́дешь** *погов.* бо зурӣ диле дарнамеёбӣ

наси́льственн||ый, -ая, -ое маҷбурӣ, ҷабрӣ, зуровар(она); ~**ый переворо́т** табаддулоти зӯроварона; **прибе́гнуть к** ~**ым ме́рам** чораҳои маҷбурӣ кор фармудан ◇ ~**ая смерть** қатл

наси́нивать *несов. см.* **насини́ть**

насини́ть *сов. разг.* 1. *что* кабуд кардан (гардондан) 2. *что, чего* синька задан; ~ **мно́го белья́** ҷомашуии бисьёреро синька задан

наска́бливать *несов. см.* **наскобли́ть**

насказа́ть *сов. что, чего* 1. *разг.* гуфтан, бисьёр гап задан, нақл кардан; ~ **новосте́й** бисьёр хабарҳои тоза гуфтан 2. *на кого уст.* суханчинӣ кардан, тӯҳмат кардан

наска́зывать *несов. см.* **насказа́ть**

наскака́||ть *сов.* 1. *на кого-что* нохост вохӯрдан, дучор шудан, ру ба рӯ шудан (*савора*) 2. асп давонда омадан

наска́кивать *несов. м.* **наскочи́ть** *и* **наскака́ть** 1

наска́льн||ый, -ая, -ое *археол.* руи-

санг; **дре́вние ~ые ро́списи** нақшу нигорҳои қадимии руисанг

насканда́лить *сов. разг.* ҷанҷол (ғавғо, бетартибӣ) кардан

насквО́зь *нареч.* 1. сурох (шикоф) карда; **пу́ля проби́ла до́ску ~** тир тахтаро сурох карда гузашт 2. *перен. разг.* тамоман, бакуллӣ, [аз]сар то по; **я промо́к ~** ман аз сар то по тар шудам ◇ **ви́деть (знать) кого́-л. ~** зоҳиру ботини касеро дидан (донистан), сирру асрори касеро донистан, ҳолдон будан

наскобли́ть *сов. что, чего* тарошидан, тарошида тайёр кардан

наско́к *м* 1. *(по знач. гл.* **наскочи́ть** 2, 3) ҳуҷум (ҳамла) кардан(и); маломат 2. *(скачок)* ҷаҳиш, барҷаст, ҳаллос, хеззанӣ // *(нападение)* ҳуҷум, ҳамла, тохт; **кавалери́йские ~и** ҳуҷумҳои аскарони савора 3. *в знач. нареч.* **наско́ком** наандешида, фикр накарда, бе тайёрӣ, бе мулоҳиза, якбора; **де́йствовать ~ом** якбора (наандешида) амал кардан ◇ **с ~а, с ~у** 1) *(с разгону, на полном ходу)* тохта (давида) истода 2) *(необдуманно)* наандешида, фикр накарда, бе тайёрӣ, бе мулоҳиза, якбора

наско́лько *нареч.* 1. *вопр.* чӣ қадар, то чӣ андоза, ба чӣ андоза, ба чӣ дараҷа; **~ э́то ве́рно?** ин то чӣ дараҷа дуруст аст? 2. *относ.* ба қадре ки..., чӣ қадаре ки..., ба андозае ки..., ба дараҷае ки..., чунон ки...; **~ мне изве́стно, он прие́хал вчера́ ве́чером** чунон ки ман медонам, вай дина бегоҳ омада буд

на́скоро *нареч. разг.* бо шитоб, шитобкорона, шитобкунон, тез, саросема-(вор); **~ пое́сть** саросема (тез) хурок хӯрдан; **~ напи́санная статья́** мақолаи шитобкорона навишташуда

наскочи́ть *сов. на кого-что* 1. бархӯрдан, дучор шудан; дакка хӯрдан; **~ на столб** ба симчӯб дакка хӯрдан; **~ на неприя́тность** ба ноомади кор дучор шудан 2. *(напасть)* ҳуҷум (ҳамла) кардан, дарафтодан 3. *перен. разг.* часпидан, чаққидан, сарзаниш (маломат, коҳиш) кардан

наскреба́ть *несов. см.* **наскрести́**

наскрести́ *сов. что, чего* 1. тарошида ҷамъ кардан (ғундоштан) 2. *перен. разг. (собрать с трудом)* кам-кам (ба зӯр) ҷамъ кардан, бо азобу машаққат ғун кардан

наскуча́ться *сов. разг.* дилтанг (дилгир, зиқ) шудан; **~, сидя́ до́ма** дуру дароз дар хона нишаста дилтанг шудан

наску́чивать *несов. см.* **наску́чить**

наску́чи||ть *сов. кому-чему и без доп.* дилгир (дилтанг, зиқ) кардан (шудан), ба дил задан, дилбазан шудан; **дождь всем ~л** борон ба дили ҳама зад; **мне ~ло сиде́ть до́ма** *безл.* аз хонанишинӣ дилгир шудам

наслади́ть *сов. что* лаззат (ҳаловат) бахшидан; **~ взор** ба дида нур бахшидан

наслади́ться *сов. кем-чем и без доп.* кайф (маза) кардан, лаззат бурдан, ҳузур (ҳаловат) кардан, айшу ишрат (кайфу сафо) кардан; **~ му́зыкой** аз мусиқӣ лаззат бурдан

наслажда́ть(ся) *несов. см.* **наслади́ть(ся)**

наслажде́ние *с* кайф, маза, лаззат, ҳаловат, айш; **слу́шать с ~м** кайф карда гӯш кардан

насла́ивание *с (по знач. гл.* **наслои́ть)** қабат-қабат кардан(и), қабат-қабатгузорӣ

насла́ивать *несов. см.* **наслои́ть**

насла́иваться *несов.* 1. *см.* **наслои́ться;** 2. *страд.* қабат-қабат чида шудан, қабат-қабат гузошта шудан

насласти́ть *сов. что разг.* ширин кардан; **~ чай** чойро ширин кардан

насла́ть *сов. что, кого-чего* фиристодан, роҳӣ (равона) кардан; **~ пода́рков** ҳадья фиристодан

насла́щивать *несов. см.* **насласти́ть**

насле́дие *с* мерос, ирс; **литерату́рное ~** мероси адабӣ; **культу́рное ~ дре́внего ми́ра** мероси маданӣ дуньёи қадим

наследи́ть *сов.* пай мондан (гузоштан), асари по гузоштан, по қатӣ олондан (чиркин кардан); **~ в ко́мнате** хонаро бо изи пой чиркин кардан

насле́дник *м* 1. меросхӯр, ворис; **зако́нный ~** меросхӯри қонунӣ; **оста́вить ~ов** аз худ меросхӯр мондан // *разг. шутл. (сын, ребёнок)* меросхур 2. *перен.* давомдиҳанда, пайрав; **~и революцио́нных тради́ций** давомдиҳандаи анъанаҳои революционӣ ◇ **~ престо́ла** валиаҳд

насле́дный, -ая, -ое ...и валиаҳд; **~ принц** шоҳзодаи валиаҳд

насле́довани||е *с* 1. *(по знач. гл.* **насле́довать)** меросхӯршавӣ, меросхурӣ, ворисшавӣ 2. *юр.* меросхӯри, ворисӣ; **пра́во ~я** ҳуқуқи меросхӯрӣ

насле́довать *сов., несов.* 1. *что* мерос гирифтан, ба тариқи мерос гирифтан, меросхӯр шудан, ворис будан (шудан); **~ дом от отца́** хонаро аз падар мерос гирифтан // *перен.* мерос гирифтан; **~ лу́чшие тради́ции** беҳтарин анъанаҳоро мерос гирифтан 2. *кому* валиаҳд будан, вориси тахт будан

наследода́тель *м юр.* меросдиҳанда

насле́дственност||ь *ж биол.* ирсият, меросӣ будан(и); **уче́ние о ~и** таълимот дар бораи ирсият; **благоприя́тная ~ь** ирсияти хуб

насле́дственн||ый, -ая, -ое 1. ...и мерос, ...и ирс, ирсӣ, маврус; **~ое пра́во** ҳуқуқи мерос; **~ое иму́щество** молу мулки маврус 2. *биол.* ирсӣ, ...и ирсият; **~ые измене́ния** тағьироти ирсӣ

насле́дств||о *с* 1. мерос; **лиши́ть ~а** аз мерос маҳрум кардан 2. *(наследие)* мерос, ирс; **нау́чное ~о** мероси илмӣ 3. *юр. (наследование)* меросхӯрӣ, ворисӣ; **ввести́ в ~о** меросро ба ворис ҳукм карда супоридан

наслое́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **наслои́ть)** қабат-қабат кардан(и); қабат-қабатчинӣ, қабат-қабатгузорӣ; *(по знач. гл.* **наслои́ться)** қабат-қабат шудан(и), қабат-қабат нишаста мондан(и); **~ гру́нта** қабат-қабат хобидани хок 2. *геол.* қабат, табака; **песча́ное ~** қабати рег 3. *перен.* хислати ғайрифитрӣ

наслои́ть *сов. что, чего* қабат-қабат кардан (чидан), қабат-қабат рехтан (гузоштан)

наслой||ться *сов.* 1. қабат-қабат шудан, қабат-қабат нишаста мондан; **~лся песо́к** рег қабат-қабат нишаста мондааст 2. *перен.* пайдо шудан, зам шудан *(дар бораи ҳиссиёт ва ғ.)*

наслужи́ться *сов. разг.* бисьёр хизмат кардан

наслу́шаться *сов.* 1. *чего* бисьёр шунидан; **~ небыли́ц** бисьёр афсонаҳо шунидан 2. *кого-чего* бо лаззат гӯш кардан, шунида лаззат бурдан; **~ пе́сен** сурудҳои бисьёр шунида лаззат бурдан

наслы́шанный *прич.* (наслы́шан, -а, -о) огоҳ, хабардор, воқиф // *тк. кр. ф. в знач. сказ. о ком-чём разг.* бисьёр шунида; **мы мно́го о вас наслы́шаны** мо дар бораи шумо бисьёр гапҳои нек шунидаем

наслы́шаться *сов. разг.* бисьёр шунидан, огоҳ (хабардор, воқиф) будан (шудан)

наслы́шк||а *ж:* **по ~е** *разг.* аз рӯи шунид, аз рӯи овоза; **знать что́-л. по ~е** чизеро аз рӯи шунид донистан; **говори́ть о чём-л. по ~е** аз рӯи шунид дар бораи чизе гап задан

наслю́нивать *несов. см.* **наслюни́ть**

наслюни́ть *сов. что разг.* бо оби даҳон тар кардан; **~ па́льцы** ангуштҳоро бо оби даҳон тар кардан

наслюня́вить *сов. что разг.* бо оби даҳон тар кардан

насма́ливать *несов. см.* **насмоли́ть**

насма́рку *нареч. разг.:* **идти́ (пойти́) ~** бар бод рафтан, ройгон шудан, сӯхтан; **всё пошло́ ~** ҳама чиз бар бод рафт

на́смерть *нареч.* 1. то мурдан, то ҷон доштан; **ра́нить ~** захми марговар расондан 2. *перен. (в сочет. со словами «биться», «драться», «стоять» и т. п.)* то дами марг, то мурдана *(ҷанг кардан, задухӯрд кардан)*; **сража́ться ~** то мурдана задухӯрд кардан 3. *перен. разг.* сахт, мурданивор; **испуга́ть ~** сахт тарсондан

насмеха́тельство *с уст. см.* **насме́шка**

насмеха́ться *несов. над кем-чем* масхара (тамасхур, истеҳзо, мазоҳ) кардан

насмеши́||ть *сов. кого-что* хандондан, ханда оварондан (кунондан); **он ~л нас свои́м расска́зом** вай бо ҳикояи худ моро хандонд; **поспеши́шь — люде́й ~шь** *погов.* ≈ дар кори шитоб пушаймонӣ бисьёр

насме́шк||а *ж* масхара, тамасхур, истеҳзо, мазоҳ, ханда; **осыпа́ть ~ами кого́-л.** касеро бисьёр масхара кардан; **подверга́ться ~ам** масхара карда шудан; **сказа́ть в ~у** барои мазоҳ гуфтан, мазоҳ карда гуфтан

насме́шливость *ж* масхараомезӣ, тамасхуромез (истеҳзоомез) будан(и); **~ то́на** истеҳзоомез будани оҳанг

насмешлив||ый, -ая, -ое (насмешлив, -а, -о) масхаракунанда, истеҳзокор, писхандкунанда; истеҳзоомез, тамасхуромез; **~ый человек** [одами] истеҳзокор; **~ый тон** оҳанги масхараомез; **~ая улыбка** хандаи тамасхуромез

насмешник *м разг.* масхаракунанда, истеҳзокор, мазоҳкор

насмешница *женск. к* **насмешник**

насмешничать *несов. над кем-чем и без доп. разг.* масхара (тамасхур, истеҳзо, мазоҳ) кардан

насмеяться *сов.* 1. *разг.* хуб хандидан, аз ханда сер шудан 2. *над кем-чем* масхара (тамасхур, истеҳзо, мазоҳ) кардан; **~ над кем-л.** касеро тамасхур кардан

насмолить *сов. что, чего* қир (қатрон) молидан; **~ лодку** ба қаиқ қатрон молидан; **~ верёвку** ба арғамчин қатрон молидан

насморк *м* зуком; **хронический ~** зукоми кӯҳна; **получить (схватить) ~** зуком шудан

насмотреться *сов.* 1. *кого-чего и без доп.* бисьёр дидан, тамошо кардан; **~ всяких чудес** бисьёр аҷоибот дидан 2. *на кого-что и без доп. с отриц. или с гл. «мочь»* аз дидан (аз дидор) сер шудан; **не могу ~** аз тамошо сер шуда наметавонам

наснимать *сов. что, чего разг.* 1. бисьёр гирифтан, фуровардан; 2. сурат гирифтан; **~ много пейзажей** сурати бисьёр манзараҳои табиатро гирифтан

насобачиться *сов. груб прост.* корчаллон (пухта) шудан, чаққон шудан

насобирать *сов. что, чего* чида ҷамъ кардан, чиндан, чидан, ғундоштан; **~ корзину яблок** як сабад себ чидан

насовать *сов.* 1. *что, чего разг.* андохтан, даровардан, ҷо кардан; дароварда пур кардан; **~ конфет в карманы** ба кисаҳо конфет ҷо кардан 2. *чего и без доп. прост.* мушткорӣ кардан

насоветовать *сов. что, чего разг.* маслиҳат додан; маслиҳатҳои ҳархела додан

насовсем *нареч. прост.* тамоман; **отдать книгу ~** китобро тамоман додан

насовывать *несов.* 1. *см.* **насовать**; 2. *см.* **насунуть**

насовываться *несов. страд.* андохта шудан, дароварда шудан

насолить *сов.* 1. *что, чего* намак (шур) кардан, дар намак хобондан, намакин кардан; **~ огурцов** бодиринг намак кардан 2. *что разг.* намак андохтан; шӯр кардан, аз ҳад зиёд намак задан; **~ суп** шӯрборо шӯр кардан 3. *кому и без доп. перен. разг.* озурдан, ранҷондан, бадӣ кардан

насорить *сов.* ифлос (касиф) кардан, ахлот партофтан; **~ на полу** рун фаршро ифлос кардан

насортировать *сов. что, чего* ба хелҳо (ба навъҳо) ҷудо кардан, хел-хел кардан; **~ зерна** ғалларо ба хелҳо ҷудо кардан

насортировывать *несов. см.* **насортировать**

насос I *м тех.* насос, обуздак; **воздушный ~** насоси ҳавоӣ; **пожарный ~** насоси оташнишонӣ; **качать воду ~ом** бо насос об кашида баровардан

насос II *м вет.* ком, дарди ком *(бемории чорпоён)*

насосать *сов.* 1. *что, чего* макидан; **~ молока** шир макидан 2. *что, чего* кашида рехтан; **~ бензина в бак** ба бак бензин кашида рехтан

насоса||ться *сов.* 1. *чего и без доп.* макида сер шудан, ба қадри кифоя макидан; **ребёнок ~лся молока** бача шир макида сер шуд 2. *груб прост.* мурданивор маст шудан

насосн||ый, -ая, -ое ...и насос, насосӣ; **~ая машина** мошини насос; **~ая станция** станцияи насосӣ

насох||нуть *сов. разг.* часпида хушк шуда мондан, хушк шудан, хушкидан; **на колёсах ~ла грязь** ба чархҳо лой часпида хушк шудааст

насочинить *сов. что, чего разг.* 1. бофтан, чизи бисьёре навиштан; **~ стихов** шеър бофтан 2. дуруғ гуфтан, бофта баровардан; **~ всякой чепухи** ҳар гуна сафсата бофтан

насочинять *сов. см.* **насочинить**

насочи||ться *сов.* чакидан, даромадан, таровидан, заҳидан; **в трюм ~лась вода** ба таҳхонаи киштӣ об заҳид

наспех *нареч.* саросемавор, бо саросемагӣ, шитобкорона, шитобкунон, ҳадаҳа; **делать что-л. ~** бо саросемагӣ коре кардан; **поесть ~** саросемавор хурок хурдан

наспинник *м* 1. *ист.* чороина 2. *(ремень шлеи)* пордум

наспиртовать *сов. кого-что* дар спирт парвардан

наспиртоваться *сов.* 1. дар спирт парварда шудан 2. *груб. прост.* масту аласт шудан

наспиртовывать *несов. см.* **наспиртовать**

наспиртовываться *несов. см.* **наспиртоваться**

насплетничать *сов.* хабаркашӣ (суханчинӣ, ғайбат, гапчинӣ, ғаммозӣ) кардан

насплетничаться *сов. разг.* бисьёр хабаркашӣ (суханчинӣ, ғайбат) кардан

наспориться *сов. с кем-чем и без доп. разг.* бисьёр мубоҳиса (мунокиша) кардан

наст *м* карахши руи барф

наставать *несов. см.* **настать**

наставительно *нареч.* пандомез, насиҳатомез; **сказать ~** насиҳатомез гуфтан

наставительность *ж* пандомезӣ, насиҳатомезӣ, пандомез (насиҳатомез) будан(и)

наставительный, -ая, -ое (наставител|лен, -льна, -льно) пандомез, насиҳатомез; **~ тон** оҳанги пандомез

наставить I *сов.* 1. *что, кого-чего* мондан, гузоштан; **~ на стол всякой еды** ба руи миз ҳар гуна таом гузоштан 2. *чего разг.* задан; **~ синяков** зада кабуд кардан 3. *что* [илова карда] дарозтар кардан; **~ рукава** остинҳоро дарозтар кардан 4. *что* рост кардан, ба нишон рост кардан; **~ дуло револьвера** мили таппончаро рост кардан ◇ **~ нос кому-л.** касеро фиреб додан, ду даст дар бинӣ мондан; **~ рога кому-л.** 1) ба шавҳар бевафоӣ кардан 2) хушдори зани касе будан

наставить II *сов. кого-что на что, чему уст.* панд додан, насиҳат кардан; **~ на путь истинный (на путь истины)** *кого* роҳи ҳақиқатро нишон додан, ба роҳи рост ҳидоят кардан; **~ на ум (на разум)** *кого* насиҳат додан

наставка *ж* 1. *(по знач. гл.* **наставить** I 3) [илова карда] дарозтар кардан(и); **~ рукавов** дарозтар кардани остинҳо 2. қисми иловагии духташуда

наставление *с* 1. *(по знач. гл.* **наставить** II) пандиҳӣ, насиҳатдиҳӣ 2. *(поучение)* панд, насиҳат 3. *(инструкция)* дастуруламал; **~ по противовоздушной обороне** дастуруламали мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ

наставлять I *несов. см.* **наставить** I 3, 4

наставлять II *несов.* 1. *см.* **наставить** II; 2. *что* талқин кардан

наставник *м* роҳбар, роҳнамо, устод, мураббӣ, муаллим ◇ **классный ~** *уст.* мураббии синф

наставница *ж уст.* мураббия, муаллима

наставнический, -ая, -ое 1. ...и роҳбар, ...и роҳнамо, ...и мураббӣ 2. *перен.* пандомез, насиҳатомез; **~ тон** оҳанги пандомез

наставничество *с* тарбиятгарӣ, шогирдтайёркунӣ, устодӣ

наставн||ой, -ая, -ое 1. илова (дарозтар) карашуда; **~ые рукава** остинҳои дарозтар кардашуда 2. илова, иловагӣ; **~ая труба** дудкаши иловагӣ

настаивать I, II *несов. см.* **настоять** I, II

настаиваться *несов. см.* **настояться** I

наста||ть *сов.* омадан, расидан, сар шудан, шудан; **~ло утро** субҳ дамид; **~ла весна** баҳор омад

настегать I *сов. что, чего* лаганда кардан; **~ несколько одеял** якчанд кӯрпаро лаганда кардан

настегать II *сов. кого-что* сахт тозиёна задан, қамчинкорӣ кардан; **~ лошадь** аспро сахт қамчин задан

настёгивать I, II *несов. см.* **настегать** I, II

настежь *нареч.* калон (тамоман) кушода, яп-яла; **открыть двери ~** дарро калон кушода мондан

настелить *сов. прост. см.* **настлать** I

настенн||ый, -ая, -ое деворӣ; **~ая живопись** суратҳои деворӣ, накшу нигори руи девор; **~ый календарь** тақвими деворӣ

настигать *несов. см.* **настичь**

настигнуть *сов. см.* **настичь**

настил *м* 1. *(по знач. гл.* **настлать** 2) фарш кардан(и); **~ пола** фарш кардани пол 2. фарш, чизи фарш кардашуда; **дощатый ~** тахтафарш

настила́ние *с см.* **насти́лка** 1

настила́ть *несов. см.* **настла́ть**

настила́ться *несов. страд.* фарш карда шудан

насти́лк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **настла́ть***)* густурдан(и); фарш кардан(и) 2. *разг. см.* **насти́л** 2

насти́лочн||ый, -ая, -ое ...и фаршкунӣ, ...и фарш; ~**ые рабо́ты** корҳои фаршкунӣ, фаршкорӣ; ~**ые до́ски** тахтаҳои фаршбоб

насти́льн||ый, -ая, -ое 1. фарш кардашуда, фаршшаванда; ~**ая доро́га** роҳи фарш кардашуда 2. *воен.* уфуқӣ, рост; ~**ый ого́нь ору́дий** оташфишонии уфуқии тупҳо

настира́ть *сов.* 1. *что, чего разг.* шустан, шустушуй кардан; ~ **мно́го белья́** либоси бисьёр шустан 2. *что прост.* тоза шустан; ~ **плато́к до белизны́** рӯймолчаро шуста сап-сафед кардан

насти́рывать *несов. см.* **настира́ть**

насти́||чь *сов. кого-что* 1. давида расидан, таъқиб карда доштан (дастгир кардан); сур карда доштан; ~**чь бегле́цо́в** гурезаҳоро таъқиб карда доштан 2. *перен.* задан, ба нишон расидан; **пу́ля** ~**гла врага́** тир ба душман расид

настла́ть *сов. что, чего* 1. паҳн кардан, густурдан, андохтан, кушодан; ~ **ковро́в** гилем густурдан (андохтан) 2. фарш кардан; ~ **досо́к** тахта фарш кардан

на́стов||ый, -ая, -ое ...и қабати сахти барф; ~**ый снег** барфи сахтшуда; ~**ая доро́га** роҳи руи барфи сахт

насто́ечный, -ая, -ое ...и қиём

насто́й *м* шира, қиём; ~ **рома́шки** қиёми бобуна

насто́йка *ж* 1. шароб; **вишнёвая** ~ шароби олуболу 2. *см.* **насто́й**

насто́йчиво *нареч.* суботкорона, исроркорона, истодагарона, устуворона; бо қатъият; ~ **добива́ться** исроркорона кушиш кардан

насто́йчивость *ж* суботкорӣ, исрор, истодагарӣ, устуворӣ; ~ **хара́ктера** устувории характер

насто́йчив||ый, -ая, -ое (насто́йчив, -а, -о) суботкор, боисрор, исроркор(она), истодагар(она), устувор(она); ~**ый челове́к** одами суботкор; ~**ое тре́бование** талаби исроркорона

насто́лько *нареч.* чандон, он қадар, ин қадар, чунон; ~..., **что...** он қадар ..., ки...; **он** ~ **измени́лся, что его́ нельзя́ узна́ть** вай чунон дигар шудааст, ки шинохтан мумкин нест

насто́льн||ый, -ая, -ое 1. рӯистолӣ, саримизӣ, саристолӣ, ...и руи миз; ~**ая ла́мпа** чароғи рӯистолӣ; ~**ый те́ннис** тенниси рӯимизӣ 2. *перен.* зарурӣ, лозима; ~**ая кни́га** китоби зурурӣ

насторáживать(ся) *несов. см.* **насторожи́ться**

настороже́ *нареч.* боэҳтиёт, хушьёр, тайёр; **быть** ~ хушьёр будан

насторо́женност||ь, насторожённост||ь *ж* эҳтиёткорӣ, ҳушьёрӣ; **чу́вство** ~**и** эҳтиёткорӣ

насторо́женный, насторожённый, -ая, -ое 1. *прич.* ҳушьёр кардашуда 2. *прил.* (насторо́жен, насторожён, -на, -но) эҳтиёткорона, ҳушьёрона; ~ **взгляд** нигоҳи эҳтиёткорона

насторожи́ть *сов.* 1. *кого-что* ҳушьёр (хабардор) кардан 2. *что охот.* ба нишон рост кардан; ~ **ружьё** милтиқро ба нишон рост кардан ◇ ~ **у́ши (слух)** 1) гуш ба кимор шудан 2) *(о живо́тных)* гуш сих кардан

насторожи́||ться *сов.* чизеро пай бурда ҳушьёр шудан, бо диққат гуш додан, поидан; **часово́й** ~**лся** посбон чизеро пай бурда ҳушьёр шуд

настоя́ни||е *с* исрор, таъкид, истодагарӣ; **по** ~**ю отца́** бо исрори падар

настоя́тель *м церк.* 1. пири дайр 2. кашиши калони калисои православҳо

настоя́тельно *нареч.* суботкорона, исроркорона, устуворона; ~ **проси́ть** суботкорона пурсидан

настоя́тельность *ж* 1. исроркорӣ, истодагарӣ, таъкидкорӣ, исроркорона будан(и); ~ **про́сьбы** исроркорона будани илтимос 2. зарурат, лузум, таъҷилӣ, таъхирнопазирӣ

настоя́тельн||ый, -ая, -ое (настоя́те|лен, -льна, -льно) 1. боисрор, исроркорона, ботаъкид; ~**ое тре́бование** талаби исроркорона 2. зарурӣ, зарур, воҷиб; ~**ая нужда́ (необходи́мость)** эҳтиёҷи зарурӣ

настоя́тельский, -ая, -ое *церк.* ...и пири дайр

настоя́ть I *сов. на чём* истодагарӣ карда ба даст даровардан, исрор карда муваффақ шудан; ~ **на своём** бо исрор гапи худро гузарондан

настоя́ть II *сов.* 1. *что, чего* дам кардан; ~ **чай** чойро дам карда мондан 2. *что на чём* парвардан, хобондан, қиём кардан; ~ **во́дку на ви́шне** арақро бо оби олуболу парвардан

настоя́||ться I *сов.* дам хӯрдан; ба қиём омадан; **чай** ~**лся** чой дам хӯрд

настоя́ться II *сов. разг.* бисьёр рост истодан; ~ **в ожида́нии кого́-л.** дар интизории касе бисьёр рост истодан

настоя́щее *с* ҳозира, вақти (замони) ҳозира, алвақт; **све́тлое** ~ ҳозираи дурахшон

настоя́щ||ий, -ая, -ее 1. ҳозира, ҳозирӣ, кунунӣ; **в** ~**ее вре́мя** дар вақти ҳозира 2. ин, ҳамин; **в** ~**ей статье́ речь идёт о...** дар ин мақола сухан меравад дар бораи... 3. аслӣ, асл, ҳақиқӣ; ~**ий изумру́д** зумурради холис; ~**ий худо́жник** рассоми ҳақиқӣ 4. содиқ, самимӣ, самимона, софдил, босадоқат; ~**ий друг** дӯсти босадоқат ◇ ~**ее вре́мя глаго́ла** *грам.* замони ҳозираи феъл

настра́гивать *несов. см.* **настрога́ть**

настрада́ться *сов.* хеле азоб кашидан (дидан), бисьёр азобу уқубат (азият) кашидан

настра́ивание *с см.* **настро́йка**

настра́ивать I, II *несов. см.* **настро́ить** I, II

настра́иваться I *несов. страд.* сохта (бино карда) шудан

настра́иваться II *несов.* 1. *см.* **настро́иться;** 2. *страд.* мизроб (соз) карда шудан

настра́чивать *несов. см.* **настрочи́ть** 1, 2

настра́чиваться *несов. страд.* чок духта шудан

настраща́ть *сов. кого-что прост.* тарсондан, ба воҳима андохтан

настре́ливать *несов. см.* **настреля́ть**

настреля́ть *сов.* 1. *что, кого-чего* задан, паррондан, тир зада куштан, шикор (сайд) карда куштан; ~ **у́ток** мурғобии бисьёре задан 2. *что, чего перен. прост.* бо зорӣ пайдо кардан, зорӣ карда ба даст даровардан; ~ **де́нег** зорӣ карда пул ба даст даровардан

на́стриг *м с.-х.* миқдори пашми тарошидашуда

настри́г *м (по знач. гл.* **настри́чь***)* *с.-х.* тарошидани пашм, пашмтарошӣ; ~ **ове́ц** тарошидани пашми гӯсфандон

настрига́ть *несов. см.* **настри́чь**

настри́чь *сов. что, чего* қайчӣ кардан; тарошидан, тарошида гирифтан; ~ **килогра́мм ше́рсти** як килограмм пашм тарошидан

настрога́ть *сов. что, чего* тарошидан, ранда кардан; ~ **досо́к** тахта ранда кардан

на́строго *нареч. разг.* бисьёр ҷиддӣ, ба таври қатъӣ, қатъиян, сахт; ~ **запрети́ть** ба таври қатъӣ манъ кардан ◇ **стро́го-**~ қатъиян, бисьёр ҷиддӣ

настрое́ни||е *с* 1. рӯҳия, кайфият, ҳолат, димоғ; **бо́дрое** ~**е** рӯҳбаландӣ; **хоро́шее** ~**е** кайфияти хуш; **быть не в** ~**и** димоғсӯхта будан; **испо́ртить кому́-л.** ~**е** димоғи касеро сӯзондан, табъи касеро хира кардан 2. *с неопр.* ҳавсала, майл; **нет** ~**я петь** ҳавсалаи сурудан нест 3. вазъият, ҳолат; **обще́ственное** ~**е** афкори ҷамъиятӣ ◇ **чемода́нное** ~**е** *шутл.* ғумғумаи сафар, хурҷинтабъии пеш аз сафар; **челове́к** ~**я** ҳардамхаёл

настро́енность *ж* аҳволи рӯҳия, ҳолат, тамоюл; ~ **мы́слей** кайфият

настро́енный, -ая, -ое (настро́ен, -а, -о) 1. *прич.* соз (ҷӯр) кардашуда; дуруст кардашуда 2. *прил.* соз, ҷӯр; ~ **роя́ль** рояли ҷӯр 3. *тк. кр. ф. в знач. сказ.* ба ҳолате (ба кайфияте) афтода; **он настро́ен про́тив меня́** вай ба ман зид аст; **он пло́хо настро́ен** кайфаш паридагӣ; авзоаш беҷо

настро́ить I *сов. что, чего* сохтан, бино кардан; ~ **домо́в** бисьёр хона сохтан

настро́ить II *сов.* 1. *что* мизроб (соз, ҷӯр, дуруст) кардан; ~ **скри́пку** ғижжакро ҷур кардан; ~ **стано́к** дастгоҳро дуруст кардан // *радио* омода кардан; ~ **радиоприёмник на коро́ткую волну́** приёмникро ба мавҷи кӯтоҳ омода кардан 2. *кого-что перен.* ба ҳолате андохтан; ~ **всех на весёлый лад** ҳамаро шод кардан; ~ **про́тив кого́-л.** ба муқобили касе барангехтан

настро́и||ться *сов.* 1. мизроб (соз, ҷӯр, дуруст) шудан; **стано́к** ~**лся** дастгоҳ дуруст шуд 2. *с неопр. или*

на что перен. ҳавсала доштан; я ~лся **пойти в кино** ман ҳавсалаи киноравӣ дорам 3. *перен.* муомилае кардан (доштан); ~**ться дружелюбно к кому-л.** ба касе муомилаи дӯстона доштан

настройка *ж (по знач. гл.* **настроить** II 1) мизроб (соз, ҷӯр, дуруст) кардан(и) ~ **музыкальных инструментов** ҷӯр кардани асбобҳои мусиқӣ

настройщик *м* созкунанда, ҷуркунанда

настропалить *сов. кого-что прост.* ангезондан

настрочить *сов.* 1. *что* дӯхта часпондан, чок духтан *(аз болои либос)*; ~ **карман** кнса дӯхтан 2. *что, чего* бисьёр дӯхтан; ~ **складок** чини бисьёр духтан 3. *что, чего перен. разг.* тез навиштан; ~ **письмо** тез хат навиштан

настрочка *ж (по знач. гл.* **настрочить** 1) дӯхта часпондан(и), чокдӯзӣ; ~ **карманов** кисадӯзӣ

наструга́ть *сов. прост. см.* **настрогать**

настругивать *несов. см.* **настрогать**

настряпать *сов. что, чего* 1. *разг.* пухтан, тайёр кардан; ~ **всякой всячины** ҳар хел хӯрок тайёр кардан 2. *перен. прост.* чалачулпа коре кардан, ҳарому ҳариш (сарам-дилам) коре кардан

настудить *сов. что разг.* хунук (сард, салқин) кардан; ~ **комнату** хонаро хунук кардан

настуживать *несов. см.* **настудить**

настукать *сов. что разг.* 1. *(стуча, обнаружить)* черт зада муайян кардан, тӯқ-тӯқ карда дидан, ҳуппоқ зада фаҳмидан; ~ **пустоту в стене** деворро тӯқ-тӯқ зада ҷои холнашро муайян кардан 2. *(сообщить)* тиқ-тиқ зада хабар додан

настукивать *несов. см.* **настукать**

наступательн||ый, -ая, -ое ҳуҷумӣ, ...и ҳуҷум, ...и ҳамла; ~**ые бой** ҷангҳои ҳуҷумӣ

наступа||ть I *несов.* 1. *см.* **наступить** I; 2. *на кого-что и без доп.* ҳуҷум (ҳамла) кардан; **войска** ~**ли** қӯшунҳо ҳуҷум мекарданд 3. *на кого-что перен.* часпидан, безор кардан *(бо талаби чизе)* 4. *на что перен.* расидан, наздик шудан, даромадан; **леса** ~**ли на степь** бешазор ҷои даштро мегирифт ◇ ~**ть на пятки кому-л.** қариб баробар шудан бо касе *(дар кор, мусобиқа ва ғ.)*

наступать II *несов. см.* **наступить** II

наступить I *сов. на кого-что* зер (пахш) кардан; ~ **кому-л. на ногу** пои касеро зер кардан ◇ ~ **на горло** сахт часпидан, сахт безор кардан, ҷони касеро ба ҳалқаш оварондан; ~ **на [любимую] мозоль кому** ба сӯхта намакоб рехтан; **медведь (слон) на ухо наступил кому-л.** гӯшаш вазнин, дар мусиқӣ ҳафтафаҳм

наступи||ть II *сов.* наздик шудан, омадан, фаро расидан, ба миён омадан; сар шудан; ~**л вечер** шаб шуд

наступление I *с* 1. ҳуҷум, ҳамла, ҳуҷум (ҳамла) кардан(и); **стремительное** ~ ҳуҷуми босуръат; ~ **широким фронтом** ҳуҷуми васъатнок; **перейти в** ~ ба ҳуҷум гузаштан 2. *(по знач. гл.* **наступать** I 4) расидан(н), наздик шудан(и); ~ **тайги на степь** ҷои даштро гирифтани тайга

наступление II *с (по знач. гл.* **наступить** II) расидан(и), омадан(и); сар шудан(и), саршавӣ; ~ **зимы** омадани зимистон; ~ **старости** расидани айёми пирӣ

настурция *ж бот.* настаран

настучать *сов.* 1. *см.* **настукать**; 2. *разг.* тақар-туқур кардан; ма́ғал кардан

настучаться *сов. разг.* бисьёр тақ-тақ (тақар-туқур) кардан

настывать *несов. см.* **настыть**

настынуть *сов. см.* **настыть**

настырный, -ая, -ое *прост.* якрав, гарданшах; ~ **парень** ҷавони якрав

насты||ть *сов.* 1. *разг.* ях (сирча) бастан; **лёд** ~**л на мостовой** роҳи сангфарш сирча баст 2. *прост.* хунук шудан; **комната** ~**ла** хона хунук шуд 3. *прост.* хунук хӯрдан, аз хунукӣ шах (карахт) шудан; **руки** ~**ли** дастҳо хунук хӯрданд

насулить *сов. что, чего прост.* ваъдаи бисьёр додан

насунуть *сов. что прост.* пӯшондан; ба балои *чизе* кашида пӯшондан

насупить: ~ **брови** абрӯ чин кардан, қавоқ андохтан

насупи||ться *сов.* 1. *(о бровях)* абрӯ чин кардан, қавоқ андохтан 2. рӯ турш кардан, лабу лунҷ овезон кардан; **сидеть** ~**вшись** рӯ турш карда нишастан

насупленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* қавоқ андохта, қавоқ гирифта 2. *прил. (о бровях)* гирифта, чин; **смотреть из-под** ~**ых бровей** қавоқ андохта нигоҳ кардан 3. *прил. (мрачный)* туршрӯ, хиратабиат; ~**ый вид** туршрӯ

насупливать(ся) *несов. см.* **насупить(ся)**

насурьмить *сов. что* сурма молидан (кашидан); ~ **ресницы** ба чашм сурма молидан

насухо *нареч.* хушк, қоқ; то хушкшавӣ; **вытереть** ~ пок карда хушкондан ◇ **сухо-**~ хушку қоқ

насучивать *несов. см.* **насучить**

насучить *сов. что, чего* тофтан, тофта тайёр кардан; ~ **ниток** ресмон тофтан; ~ **моток шерсти** як тӯбча пашм тофтан

насушивать *несов. см.* **насушить**

насушить *сов. что, чего* хушк (қоқ) кардан, хушк (қоқ) кунондан; ~ **грибов** занбуруғ хушк кардан

насущность *ж* зарурат, зарур будан(и), муҳиммӣ

насущн||ый, -ая, -ое (насущ|ен, -на, -но) зарур, зарурӣ, воҷиб, муҳим; ~**ые задачи** вазифаҳои муҳим; ~**ая потребность** эҳтиёҷи зарурӣ, талаботи зарурӣ ◇ **хлеб** ~**ый** 1) қути лоямут, ризқу рӯзӣ 2) моҳият

насчёт *предлог с род. разг.* дар боран..., дар бобати..., дар хусуси..., дар ҳаққи...

насчитать *сов.* 1. *кого-что* шумурдан, ҳисоб кардан, шумурда муайян кардан, шумурда баровардан 2. *что* зиёд ҳисоб кардан, барзиёд шумурдан; ~ **лишних два рубля** ду сӯм зиёд ҳисоб кардан

насчитыва||ть *несов.* 1. *см.* **насчитать**; 2. *кого-что* дар бар гирифтан, доштан, доро будан; **город** ~**ет свыше миллиона жителей** шаҳр зиёда аз як миллион аҳолӣ дорад

насчитыва||ться *несов.* 1. будан, мавҷуд будан; **в районе** ~**ется свыше ста школ** дар район зиёда аз сад мактаб ҳаст 2. *страд.* шумурда (ҳисоб карда) шудан

насылать *несов. см.* **наслать**

насыпание *с см.* **насыпка**

насыпать *сов.* 1. *что, чего* рехтан, андохтан, чошидан, пошидан; рехта (андохта) пур кардан; ~ **в мешок муки** ба халта орд андохтан; ~ **лошади овса** ба асп ҷав андохтан (додан); ~ **песку на дорожку** ба пайроҳа рег пошидан 2. *что* рехта баланд кардан, сохтан; ~ **плотину** сарбанд сохтан; ~ **курган** хок рехта теппа кардан

насыпать *несов. см.* **насыпать**

насыпа||ться *сов.* рехтан, боридан; ~**лось много снегу** барфи бисьёр борид

насыпаться *несов.* 1. *см.* **насыпаться**; 2. *страд.* рехта (чошида) шудан

насыпка *ж (по знач. гл.* **насыпать)** резиш, рехтан(и), ‹резӣ, андохтан(и); сохтан(и); ~ **зерна** ғалларезӣ; ~ **плотины** хок рехта сарбанд сохтан

насыпн||ой, -ая, -ое 1. рехта мешудагӣ, резанда, рехташуда; ~**ой грунт** замини хокаш кашонда; ~**ой груз** бори резанда 2. хокрез, хокӣ; ~**ая плотина** сарбанди хокрез

насыпь *ж* 1. хоктеппа, хоктӯда, хокреза, теппа, пушта; **железнодорожная** ~ пуштаи роҳи оҳан 2. *в знач. нареч.* **насыпью** рехта; **грузить зерно** ~**ю** ғалларо рехта бор кардан

насытить *сов.* 1. *кого-что* сер кардан; ~ **голодного** гуруснаро сер кардан // *перен.* қонеъ гардондан; ~ **чьё-л. любопытство** ҳисси кунҷковии касеро қонеъ гардондан 2. *что чем* сер (сероб, шодоб) кардан; ~ **землю водой** замииро сероб кардан; ~ **раствор солями** маҳлулро аз намак сер кардан 3. *кого-что чем перен.* сер (пур) кардан

насыти||ться *сов.* 1. *(наесться)* сер шудан // *перен.* серу пур шудан, қонеъ гардидан 2. *чем* сер (пур) шудан; **земля** ~**лась влагой** замин аз об сер шуд

насыхать *несов. см.* **насохнуть**

насыщать *несов. см.* **насытить**

насыщаться *несов.* 1. *см.* **насытиться**; 2. *страд.* сер карда шудан

насыщени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **насытить)** сер (сероб, пур) кардан(и); *(по знач. гл.* **насытиться)** сершавӣ, серӣ, пурӣ; ~ **раствора** сер кардани маҳлул

насыщенность *ж* 1. серӣ; ғализӣ, куюқӣ; ~ **раствора** ғализии маҳлул 2. *перен.* пуррагӣ, пурра будан(и), пурмазмун будан(и)

насыщенный, -ая, -ое 1. *прич.* сер (пур) шуда 2. *прил.* сер, сершуда, ғализ, куюқ; ~ **раствор** маҳлули сершуда 3. *прил.* (насыщен, -на, -но) *перен.* пур аз..., сер, сер=

натаивать *несов. см.* **натаять**

наталкивать *несов. см.* **натолкнуть** *и* **натолкать** 2

наталкиваться *несов.* 1. *см.* **натолкнуться** *и* **натолкаться** 2; 2. *страд.* тела дода шудан; ҷо карда шудан

натанцеваться *сов. разг.* муддаои табъ рақсидан, бисьёр рақсидан

натапливать I, II *несов. см.* **натопить** I, II

натапливаться I *несов.* 1. *см.* **натопиться** I; 2. *страд.* гарм карда (тафсонда) шудан

натапливаться II *несов.* 1. *см.* **натопиться** II; 2. *страд.* об карда шудан

натаптывать *несов. см.* **натоптать**

натараторить *сов. что, чего разг.* тез-тез гап задан, бидиррос задан, лаб ба лаб нарасида гап задан

натаска *ж охот.* омухта кардан(и), ёддиҳӣ *(ба шикор)*

натаскать I *сов. что, кого-чего* 1. кашондан, овардан; ~ **много дров** бисьёр ҳезум кашондан 2. доштан; ~ **раков из речки** аз дарьё харчанг доштан 3. *разг.* дуздидан

натаскать II *сов. кого-что* 1. *охот.* омухта кардан, ёд додан *(ба шикор)*; ~ **собаку** сагро омӯхта кардан 2. *перен. разг.* руякӣ ёд додан, сарсарӣ омӯхтан; ~ **ученика перед экзаменом** пеш аз имтиҳон ба талаба дарс омухтан

натаскивание I *с (по знач. гл.* **натаскать** I) кашондан(и), овардан(и)

натаскивание II *с (по знач. гл.* **натаскать** II) омӯхта кардан(и), ёддиҳӣ; сар-сарӣ омӯхтан(и); ~ **собаки** омӯхта кардани саг

натаскивать I *несов. см.* **натаскать** I *и* **натащить**

натаскивать II *несов. см.* **натаскать** II

натачать *сов. что, чего* духтан, дусӯзана духтан; ~ **несколько пар сапог** якчанд ҷуфт муза дӯхтан

натачивание *с см.* **наточка**

натачивать *несов. см.* **наточить**

натащить *сов.* 1. *что, кого-чего* кашондан, овардан; ~ **всякого хлама** ҳар гуна кухнакола (лашулуш) кашондан 2. *что* пушидан, ба болои худ кашидан; ~ **на себя одеяло** курпаро ба болои худ кашидан

натая||ть *сов.* 1. *что, чего* об кардан; ~**ть льду** яхро об кардан 2. *безл.* об шудан; ~**ло много снегу** барфи бисьёре об шуд

натворить I *сов. что, чего разг.* коре кардан, бемазагӣ (расвой, помаъқулӣ) кардан; ~ **глупостей** бисьёр аҳмақӣ кардан

натворить II *сов. что, чего* омехтан, сириштан, аралаш кардан; ~ **много теста** хамири бисьёре кардан; ~ **извести** оҳак шукуфондан

нате *частица разг.* 1. *побуд.* мана, мана гиред; ~ **ваш билет** мана, билети шумо 2. *усил.* ана халос

натёк *м* 1. *(по знач. гл.* **натечь**) шорида даромадан(и), ҷорӣ шуда ғун шудан(и) 2. шуша, кабат; ~**и извести в пещере** шушаҳои сақфи ғор

натекать *несов. см.* **натечь**

натёльн||ый, -ая, -ое тагпушӣ; ~**ое бельё** куртаи тагпушӣ, куртаи таг

натеребить *сов. что, чего с.-х.* наддофӣ кардан; ~ **льна** пояи зағирро наддофӣ кардан

натереть *сов.* 1. *что* молидан; ~ **руки кремом** ба даст крем молидан 2. *что* суфта кардан, пардоз додан, ялтарос кунондан; ~ **полы** фаршҳоро пардоз додан 3. *что* занондан, обила кунондан; ~ **ногу** пойро обила занондан 4. *что, чего* тарошидан, соидан, соида майда кардан; ~ **редьки** турб тарошидан

натереться *сов.* 1. ба худ молидан; ~ **мазью** ба худ равған молидан 2. суфта шудан, ялтарос задан; **полы хорошо натёрлись** фаршҳо нағз суфта шудаанд

натерпеться *сов. чего разг.* аз сар гузаронидан, чашидан, кашидан; ~ **страха** бо ваҳму воҳима руз гузарондан; ~ **горя** бисьёр ғаму кулфат дидан

натесать *сов. что, чего* тарошидан, тарошида тайёр кардан; ~ **брёвен** ғулачуб тарошидан

натёсывать *несов. см.* **натесать**

натёчный, -ая, -ое шорида пайдошуда, шушагардида

натечь *сов.* шорида даромадан, таровида ғун шудан

натешить *сов. кого-что разг.* хеле хурсанд кардан, бисьёр хандондан (шод кардан)

натешиться *сов. разг.* хуб хурсандӣ кардан, бисьёр вақтхушӣ кардан, хуб дилхушӣ кардан

натирание *с* 1. *(по знач. гл.* **натереть**) молиш; суфта кардан(и), пардоздиҳӣ 2. *разг. (лекарственное вещество)* доруи молиданӣ

натирать *несов. см.* **натереть**

натираться *несов.* 1. *см.* **натереться**; 2. *страд.* молида шудан; суфта карда (пардоз дода) шудан

натирка *ж (по знач. гл.* **натереть** 2) *разг.* суфта кардан(и), пардоздиҳӣ; ~ **полов** пардоздиҳии фарш

натиск *м* ҳамла, ҳуҷум, фишор, тазьиқ; **сдерживать** ~ **превосходящих сил противника** ҳуҷуми қувваҳои барзиёди душманро нигоҳ доштан

наткать *сов. что, чего* бофтан, бофта тайёр кардан; ~ **полотна** катон бофтан

наткнуть *сов. кого-что* халондан, халонда мондан

наткнуться *сов.* 1. *на что* зада харошондан, даррондан, бархурдан; ~ **на гвоздь** ба мех бархӯрдан 2. *на кого-что* нохост вохурдан, дучор шудан, ру ба рӯ шудан, дакка хӯрдан; ~ **на столб** ба симчуб дакка хурдан; ~ **на засаду** ба камин дучор шудан 3. *на кого-что перен. разг.* нохост ёфтан, пайдо кардан, вохурдан

натолкать *сов. прост.* 1. *что* абгор кардан; ~ **бока** биқинро абгор кардан 2. *что, чего* ҷо кардан, андохтан, лаб ба лаб кардан; ~ **одежды в шкаф** ба ҷевон либос ҷо кардан

натолкаться *сов.* 1. *разг.* хуб маҷақ (зер) шудан 2. *прост.* ғун шудан, зер (тамба) шудан

натолкнуть *сов. кого-что* 1. *на кого-что* тела додан, занондан, дакка хӯроидан 2. *на что перен.* овардан, андохтан; ~ **на мысль** ба фикре овардан

натолкну||ться *сов. на кого-что* 1. бархурдан, нохост вохурдан, дучор шудан, рӯ ба рӯ шудан, дакка хӯрдан; **лодка** ~**лась на камень** қаиқ ба санг дакка хурд 2. *перен.* нохост дарьёфтан, пайдо кардан, вохӯрдан

натолковаться *сов. прост.* хуб гапзанон (чақ-чақ) кардан

натолочь *сов. что, чего* кӯфтан, куфта майда кардан, талқон кардан

натомиться *сов. разг.* азият (азоб) кашидан; ~ **в ожидании** дар интизорӣ азият кашидан; ~ **в неволе** дар асорат азоб кашидан

натопить I *сов. что* гарм кардан, тафсондан; ~ **квартиру** хонаро гарм кардан; ~ **печь** печкаро тафсондан

натопить II *сов. что, чего* 1. об кардан; ~ **жиру** равған об кардан 2. ҷушондан; ~ **молока** шир ҷӯшондан

натопи||ться I *сов. разг.* гарм шудан, тафсидан; **печка** ~**лась** печка тафсид

натопи||ться II *сов. разг.* об шудан; ~**лось много жиру** равғани бисьёре об шуд

натоптать *сов. разг.* 1. поймол (таги по) кардан 2. *что* покӯб кардан, кушодан; ~ **тропинку** пайроҳа кушодан

натоптаться *сов. разг.* бисьёр гашта монда шудан

наторговать *сов. что, чего* фурӯхтан, савдо кардан; савдо карда (фурухта) бозьёфт кардан

наторговывать *несов. см.* **наторговать**

наторелый, -ая, -ое *прост.* малакадор, ботаҷриба, корозмуда, пухта

натореть *сов. в чём прост.* малака ҳосил кардан, корозмуда шудан

наточить *сов. что, чего* тез кардан, қайроқ задан, чарх доштан; ~ **бритву** покуро тез кардан

наточи||ться *сов.* тез шудан, қайроқ зада шудан, чарх дошта шудан; **бритва** ~**лась** поку тез шудааст

наточка *ж (по знач. гл.* **наточить**) тез кардан(и), қайроқзанӣ, чархдорӣ

натощак *нареч.* ба дили наҳор, ношто (таҳтӯл) накарда; **принимать лекарство** ~ ба дили наҳор дору хӯрдан

натравить *сов.* 1. *кого-что на кого-что* киш-киш (гиркиш) додан, сар додан; ~ **собак на зайца** сагҳоро ба харгӯш киш-киш додан // *перен.* барангехтан, иғво кардан 2. *что, кого-чего* нест (қир) кардан *(бо доруи заҳрдор)*; ~ **тараканов** ионхуракҳоро нест кардан 3. *что, чего* тезоб хӯронда нақш кашидан, бо тезоб нақш баровардан; ~ **узор** бо тезоб нақш баровардан

натравка *ж (по знач. гл.* **натравить** 3) бо тезоб нақшбарорӣ

натра́вливание *с (по знач. гл.* **натрави́ть** 1) киш-киш (гиркиш) додан(и); ~ **собак на за́йца** ба харгуш киш-киш (гиркиш) додани сагҳо

натравливать *несов. см.* **натрави́ть**

натравля́ть *несов. см.* **натрави́ть** 3

натра́вочный, -ая, -ое ...и бо тезоб нақшбарорӣ; ~ **цех** цехи нақшбарорӣ

натреннро́ванность *ж* машқдида будан(и); ~ **спортсме́на** машқдида будани варзишгар

натрениро́ванный, -ая, -ое *прич., прил.* машқдида; ~ **спортсме́н** варзишгари машқдида

натренирова́ть *сов. кого-что* машқ кунондан (додан); ~ **волейбо́льную кома́нду** командаи волейболбозонро машқ додан

натренироваться *сов.* машқ карда тайёр шудан; ~ **в мета́нии ди́ска** дар дискҳаводиҳӣ усто шудан

натрепа́ть *сов.* 1. *что, чего* бо наддофӣ тайёр кардан 2. *кого-что и без доп. прост.* кашидан; ~ **за́ во́лосы** аз муй кашидан; ~ **за́ у́ши** аз гуш кашидан 3. *что, чего и без доп. прост.* бисьёр лаққидан, росту дурӯғ (сафсата) гуфтан

натрепа́ться *сов. прост.* бисьёр лаққидан, росту дурӯғи бисьёре гуфтан

натре́скаться *сов. груб. прост.* 1. шикамсерӣ хурдан 2. масту аласт шудан

на́триев||ый, -ая, -ое *хим.* ...и натрий; ~**ые соедине́ния** пайвастҳои натрий; ~**ые со́ли** намакҳои натрий

на́трий *м хим.* натрий *(элементи химиявӣ)*

на́трое *нареч.* ба се қисм, ба се ҳисса, се тақсим; **разре́зать** ~ бурида се тақсим кардан

натрубить *сов. прост.* овоза кардан, чор андохтан; ~ **о чём-л. по всему́ го́роду** дар бораи чизе ба тамоми шаҳр овоза кардан ◇ ~ **в у́ши кому́-л.** ба гуши касе хондан

натрудить *сов. что разг.* хаста (шалпар, бемадор) кардан, озурда кардан; ~ **себе́ но́ги** пои худро озурда кардан

натрудиться *сов. разг.* 1. хастаҳол шудан, аз кори сахт озурда шудан 2. бисьёр меҳнат кардан, заҳмат кашидан; ~ **за день** дар зарфи як рӯз хеле меҳнат кардан

натру́живать *несов. см.* **натруди́ть**

натруси́ть *сов. что, чего прост.* афшондан, шиппондан; ~ **муки́ из мешка́** орди халтаро шиппондан

натрясать *несов. см.* **натрясти́**

натрясти́ *сов. что, чего* афшондан, резондан, пош додан, шиппондан; ~ **на́ пол опи́лок** аррамайдаро ба руи фарш рехтан; ~ **мно́го я́блок** себи бисьёре афшондан

натрястись *сов. разг.* 1. бардорузан карда шудан; ~ **в грузовике́** дар мошини боркаш бардорузан карда шудан; 2. бисьёр ларзидан; ~ **от стра́ха** аз тарс бисьёр ларзидан 3. пош хӯрдан, рехтан; **натрясло́сь мно́го груш** муруди бисьёре рехтааст

нату́г||а *ж:* без ~и бе зӯрзанӣ, зӯр назада; от (с) ~и аз зурзанӣ; **с** ~**ой** бо тамоми қувват, зӯр зада

на́туго *нареч. разг.* сахт, таранг; **затяну́ть реме́нь** ~ тасмаро таранг бастан ◇ **ту́го-**~ бисьёр таранг (сахт)

нату́живать(ся) *несов. см.* **нату́жить(ся)**

нату́жить *сов. что разг.* таранг (сахт) кардан; ~ **му́скулы** мушакҳоро таранг кардан

нату́житься *сов. разг.* таранг шудан, зур задан

натужи́ться *сов. разг.* бисьёр ғам (ғусса) хурдан, хеле андӯҳгин шудан; ~ **в разлу́ке** алами фироқ кашидан

нату́жливый, -ая, -ое (нату́жлив, -а, -о) *прост. см.* **нату́жный**

нату́жно *нареч. разг.* зур зада; ~ **закашляться** зур зада сулфидан

нату́жный, -ая, -ое (нату́ж|ен, -на, -но) *разг.* зуракӣ

нату́р||а *ж* 1. *уст.* табиат 2. мизоҷ, табъ, табиат, феълу ху, характер, тинат; **пы́лкая** ~а мизоҷи тунд; **по** ~**е** табиатан; **привы́чка — втора́я** ~**а** *погов.* ≈ тарки одат — амри маҳол; дили одаткарда — балои ҷон // *разг. (человеческий организм)* тан, бадан; ~**а тре́бует о́тдыха** тан оромӣ металабад 3. воқеият, ҳақиқат, ҳастӣ; **в** ~**е тако́го не быва́ет** дар ҳақиқат ин хел намешавад 4. *иск.* асл; **рисова́ть с** ~**ы** аз асл сурат кашидан 5. *эк.* мол, чиз, маҳсулот, озуқа; **поста́вки** ~**ой** пардохтҳои молӣ ◇ **в** ~**е веще́й** *уст.* табиатан, одатан

натурали́зм *м* натурализм *(1. равияест дар санъат ва адабиёти нимаи дуюми асри 19 Европа ва Америка, ки ҷараёни ҳаётро дар заминаи зуҳуроти дақиқи биологию физиологи ба қалам медиҳад 2. ба маънои танг — айнан нусха бардоштан аз ҳаёт, аниқ тасвир намудани ҷиҳатҳои зоҳирии зиндагӣ)*

натурали́ст *м* 1. табиатшинос; **ю́ные** ~**ы** табиатшиносони ҷавон 2. натуралист, пайрави натурализм

натуралисти́ческ||ий, -ая, -ое 1. ...и натурализм, натуралисти; ~**ая филосо́фия** фалсафаи натуралистӣ; ~**ое направле́ние в жи́вописи** равияи натуралисти дар санъат 2. натуралистӣ, натуралистона; ~**ое описа́ние** тасвири натуралистона

натуралисти́чность *ж* натуралистӣ будан(и)

натуралиси́тчный, -ая, -ое (натуралисти́ч|ен, -на, -но) *см.* **натуралисти́ческий** 2

натурали́стский, -ая, -ое ...и табиатшинос, ...и табиатшиносӣ; ...и натуралист, натуралистӣ

натура́льно 1. *нареч.* ба таври табий, табий; **э́то вы́шло о́чень** ~ ин бисьёр табий баромад 2. *в знач. вводн. сл. уст.* табий, табиист

натура́льность *ж* табий (аслӣ) будан(и)

натура́льн||ый, -ая, -ое (натура́|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф. уст.* табий, ғайрисунъӣ, асл; ~**ые бога́тства кра́я** сарватҳои табиии кишвар 2. *тк. полн. ф.* асил, аслӣ; ~**ый шёлк** абрешими асил 3. *(подлинный)* асил, аслӣ, табий 4. табий, ҳақиқӣ; ~**ый смех** хандаи табий 5. *тк. полн. ф. эк.* молӣ, чизӣ; ~**ый дохо́д** даромади молӣ ◇ ~**ое хозя́йство** хоҷагии натуралӣ; ~**ые чи́сла** *мат.* ададҳои натуралӣ (1, 2, 3, 4, 5 *ва ғ.*)

натурфило́соф *м* табииюн, пайрави натурфилософия

натурфилосо́фия *ж* натурфилософия *(фалсафаи табиат; таълимоти фалсафӣ, ки асосан табиатро ақлан маънидод намуда онро чун як чизи том тасвир мекунад)*

натуши́ть *сов. что, чего* дам карда пухтан; ~ **овоще́й** сабзавот дам карда пухтан

наты́кать *сов. что, чего разг.* халонда мондан; ~ **була́вок** сарсӯзан халонда мондан

натыка́ть *несов. см.* **наты́кать** *и* **наткну́ть**

натыка́ться *несов. см.* **наткну́ться** 1, 2

натюрмо́рт *м жив.* натюрморт *(расми чизҳои беҷон аз қабили гул, мева, сайд ва ғ.)*

натя́гивание *с (по знач. гл.* **натяну́ть**) таранг кардан(и), таранг кашидан(и), кашида таранг кардан(и); ~ **струны́** таранг кардани тори соз

натя́гивать *несов. см.* **натяну́ть**

натя́гиваться *несов.* 1. *см.* **натяну́ться;** 2. *страд.* таранг карда (кашида) шудан

натяже́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **натяну́ть** 1) таранг кардан(и), таранг кашидан(и), кашида таранг кардан(и); *(по знач. гл.* **натяну́ться**) тарангӣ, тарангшавӣ; ~**е пружи́ны** таранг кардани пружина; **сте́пень** ~**я струн** дараҷаи тарангии торҳои соз 2. *мед.* ба ҳам омадани захм

натя́жк||а *ж разг.* 1. *см.* **натяже́ние** 1; 2. *перен.* зӯракӣ будан(и), зуран овардан(и), муболиға; **с большо́й** ~**ой** ба зӯр, зур ба зур

натя́нутость *ж* 1. тарангӣ 2. *перен.* такаллуф, ботакаллуфӣ; ~ **отноше́ний** такаллуф дар муомила

натя́нут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* таранг кардашуда, таранг кашидашуда, таранг; ~**ая струна́** тори таранг 2. *прил. перен.* ботакаллуф, зуракӣ; ~**ая улы́бка** табассуми зӯракӣ; ~**ые отноше́ния** муомилаи ботакаллуф

натяну́ть *сов. что* 1. таранг кардан (кашидан), кашида таранг кардан; ~ **верёвку** арғамчинро таранг кардан; ~ **стру́ны** торҳои созро таранг кардан 2. ба болои худ кашидан; ~ **на себя́ одея́ло** курпаро ба болои худ кашидан 3. пӯшидан, таранг кашида пушидан; **с трудо́м** ~ **сапоги́** музаро ба зур пушидан 4. *разг.* баланд мондан; ~ **оце́нку** баҳоро баланд мондан ◇ ~ **нос** *кому* фиреб додан, ду даст дар бинӣ монондан

натяну́||ться *сов.* таранг шудан; **паруса́ ~лись** бодбонҳо таранг шуданд; **верёвка ~лась** арғамчин таранг шуд

науга́д *нареч.* тахминан, таваккалан; **идти́ в темноте́ ~** дар торикӣ тахминан роҳ рафтан; **сказать ~** тахминан гуфтан

науго́льник *м* 1. *(линейка)* гунъё 2. *(накладка)* паш *(масолеҳи одатан металли барои мустаҳкам кардани кунҷҳои чорчуба, куттӣ ва ғ.)*

науго́льный, -ая, -ое ...и паш, паши

наудалу́ю *нареч. разг.* тавваккалан, бе андеша, таваккал карда; **ри́нуться ~** таваккалан худро ба тарафе андохтан

науда́чу *нареч.* тахминан, тавваккалан; **отве́тить ~** тахминан (таваккалан) ҷавоб додан

науди́ть *сов. что, кого-чего* бо шаст гирифтан, бо қалмоқ доштан; **~ саза́нов** зағорамоҳӣ доштан

нау́живать *несов. см.* **науди́ть**

нау́к||а *ж* 1. фан, илм; **обще́ственные ~и** фанҳои ҷамъиятӣ; **есте́ственные ~и** фанҳои табиӣ; **то́чные ~и** фанҳои дақиқ 2. *разг.* сабақ, ибрат; **вперёд тебе́ ~а!** дар оянда ба ту сабақ мешавад!

наукообра́зность *ж* зоҳиран илмӣ будан(и); **~ изложе́ния** зоҳиран илмӣ будани баёнот

наукообра́зный, -ая, -ое (наукообра́з|ен, -на, -но) зоҳиран илмӣ

нау́ськать *сов. кого-что на кого-что разг.* киш-киш додан; **~ соба́к** сагҳоро киш-киш (гиркиш) додан // *перен.* тез кардан, барангехтан

нау́ськивание *с* (*по знач. гл.* **нау́ськать**) кишкишдиҳӣ, гиркишдиҳӣ; тез кардан(и); **~ соба́к** кишкишдиҳии сагҳо

нау́ськивать *несов. см.* **нау́ськать**

наутёк *нареч. разг.* ру ба гурез; **пусти́ться ~** ру ба гурез ниҳодан

нау́тро *нареч.* пагоҳӣ, саҳарӣ, саҳар катӣ; **~ все уе́хали** пагоҳии рузи дигар ҳама рафтанд

наутю́живать *несов. см.* **наутю́жить**

наутю́жить *сов. что разг.* нағз уттӣ (дарзмол) кардан; **~ брю́ки** шимро нағз дарзмол кардан

научи́ть *сов. кого-что* 1. *чему или с неопр.* омухтан, ёд додан, таълим додан; **~ ребёнка чита́ть** ба кудак хонданро ёд додан 2. *разг.* маслиҳат (ёд) додан

научи́ться *сов. чему или с неопр.* омӯхтан, ёд (таълим) гирифтан; **~ е́здить верхо́м** аспсавориро ёд гирифтан

нау́чно *нареч.* илмӣ, аз ҷиҳати илмӣ, ба таври илмӣ; **~ обоснова́ть что́-л.** чизеро аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардан

нау́чно-иссле́довательский, -ая, -ое ...и тадқиқоти илмӣ; **~ институ́т** институти тадқиқоти илмӣ

нау́чно-популя́рный, -ая, -ое илмии оммавӣ; **~ кинофи́льм** кинофилъми илмии оммавӣ

нау́чность *ж* илмӣ будан(и), илмият; **~ до́водов** илмияти далелҳо; **~ изложе́ния** илмияти баёнот

нау́чно-техни́ческ||ий, -ая, -ое илмию техникӣ; **~ая конфере́нция** конференцияи илмию техникӣ

нау́чно-фантасти́ческий, -ая, -ое илмии фантастикӣ; **~ рома́н** романи илмии фантастикӣ

нау́чно-эксперимента́льн||ый, -ая, -ое илмии таҷрибавӣ; **~ые иссле́дования** тадқиқоти илмии таҷрибавӣ

нау́чн||ый, -ая, -ое (нау́ч|ен, -на, -но) илмӣ, фаннӣ; **~ое откры́тие** кашфиёти илмӣ; **~ое о́бщество** ҷамъияти илмӣ; **~ый рабо́тник** ходими илмӣ; **~ая организа́ция труда́** ташкили илмии меҳнат

нау́шник *м разг.* ғайбатчӣ, хабаркаш, суханчин

нау́шник||и *мн.* (*ед.* **нау́шник** *м*) 1. гӯшак, гушпушак; **ша́пка с ~ами** телпаки гушакдор 2. *радио* гушмонак, гушдораки радио

нау́шничать *несов. разг.* ғайбат (хабаркашӣ, суханчинӣ) кардан

нау́шнический, -ая, -ое *разг.* ...и ғайбатчӣ, ...и хабаркаш, ...и суханчин

нау́шничеств||о *с разг.* ғайбат, хабаркашӣ, суханчинӣ; **уличи́ть кого́-л. в ~е** хабаркашии касеро фош кардан

нащу́ать *несов. кого-что уст.* иғво кардан, барангехтан, аз роҳ бароварда, гап ёд додан

наущу́ни||е *с уст.* иғво, барангезиш; **по ~ю кого́-л.** бо иғвои касе

нафа́бривать *несов. см.* **нафа́брить**

нафа́бриваться *несов.* 1. *см.* **нафа́бриться**; 2. *страд.* ранг карда шудан, равған дода шудан

нафабрикова́ть *сов. что, чего разг.* сохтан, тайёр кардан, бофта бароварда

нафа́брить *сов. что* (ришу мӯйлабро) ранг кардан, равған додан (молидан); **~ усы́** муйлабро ранг кардан

нафа́бриться *сов.* ранг кардан, равған молидан

нафантази́ровать *сов. что, чего* бофтан, дуруғ гуфтан, аз худ бофта гуфтан

нафарширова́ть *сов. что, чего* қима андохтан

нафарширо́вывать *несов. см.* **нафарширова́ть**

нафтали́н *м* нафталин

нафтали́нн||ый, **нафтали́нов||ый**, -ая, -ое ...и нафталин, нафталинӣ; **~ый за́пах** бӯи натфалин; **~ое произво́дство** истеҳсоли нафталин

нафте́ны *мн. хим.* нафтенҳо *(пайвастҳои органикии таркиби нафт)*

нафте́нов||ый, -ая, -ое *хим.* ...и нафтенҳо, нафтенӣ; **~ые кисло́ты** кислотаҳои нафтенӣ

нафто́л *м хим.* нафтол *(таркиби химиявӣ, ки аз нафталин ҳосил шуда, барои рангубор ба кор меравад)*

нафто́ловый, -ая, -ое *хим.* ...и нафтол, нафтолӣ, нафтолдор; **~ краси́тель** ранги нафтолдор

наха́л *м* одами беҳаё (густох, бешарм, берӯй)

наха́льничать *несов. разг.* беҳаёӣ (густохӣ, бешармӣ, берӯй) кардан

наха́льно *нареч.* беҳаёёна, густохона, берӯёна, бешармона; **вести́ себя́ ~** бешармона рафтор кардан; **~ смотре́ть** бешармона нигаристан

наха́льность *ж* беҳаёӣ, бешармӣ, беруӣ, беҳаё(ёна) (бешармона, берӯёна) будан(и); **~ поведе́ния** беҳаёии рафтор

наха́льный, -ая, -ое (наха́|лен, -льна, -льно) беҳаё(ёна), густох(она), бешарм(она), берӯ(ёна); **~ посту́пок** кирдори бешармона; **~ вид** қиёфаи беҳаёёна

наха́льство *с* беҳаёӣ, густохӣ, бешармӣ, беруӣ

нахами́ть *сов. кому и без доп. разг.* гапи дурушт задан, рафтори дурушт кардан, дағалӣ (беадабӣ) кардан, разилӣ (сафилӣ) кардан

наха́пать *сов. что, чего прост.* дошта (чанг зада) гирифтан, ҷамъ кардан; **~ де́нег** пули бисьёре дошта гирифтан

наха́ркать *сов. прост.* гулӯ афшонда балғам туф кардан

нахва́ливать *несов. см.* **нахвали́ть**

нахвали́ть *сов. кого-что разг.* бисьёр таъриф кардан, таърифу тавсиф кардан

нахвали́ться *сов. разг.* хуб (бисьёр) таъриф кардан, худситоӣ кардан; **мать не могла́ ~ сы́ном** модар писарашро ҳай таъриф мекард

нахва́стать *сов. разг.* лоф задан, бисьёр таъриф кардан

нахва́статься *сов. разг.* бисьёр лоф задан, худро таъриф кардан, худситоӣ кардан

нахвата́ть *сов. что, чего разг.* 1. гирифта (рабуда) ғундоштан, дошта ҷамъ кардан; 2. *перен.* руякӣ ёд гирифтан, руякӣ донистан, сарсарӣ (рӯякӣ) ошно шудан

нахвата́ться *сов. разг.* 1. *чего* бисьёр гирифтан 2. *см.* **нахвата́ть** 2 ◇ **~ верхо́в (вершко́в)** чизеро фақат рӯякӣ ёд гирифтан, маълумоти рӯякӣ ҳосил кардан, чуқур наомухтан

нахва́тывать *несов. см.* **нахвата́ть**

нахва́тываться *несов.* 1. *см.* **нахвата́ться**; 2. *страд.* гирифта шудан

нахи́мовец *м* нахимовчӣ *(талабаи омӯзишгоҳи ба номи Нахимов)*

нахи́мовск||ий, -ая, -ое: **~ое учи́лище** омӯзишгоҳи ба номи Нахимов

нахлами́ть *сов. прост.* ифлос (чиркин) кардан

нахла́мливать *несов. см.* **нахлами́ть**

нахлеба́ться *сов. чего прост.* хӯрдан, шикамсерӣ хурдан

нахле́бник *м* 1. туфайлихӯр, тегинхӯр 2. *уст.* хурокхӯри қарорӣ *(касе, ки дар хонаи каси дигар пул дода хӯрок мехурд)*

нахле́бница *женск. к* **нахле́бник**

нахлеста́ть *сов. кого-что разг.* сахт қамчин задан, бисьёр тозиёна задан, қамчинкорӣ кардан, задан; **~ кого́-л. по щека́м** ба рӯи касе торсакӣ (шаппотӣ) задан

нахлеста́ться *сов. прост.* 1. худро бо *чизе* хуб задан; ~ **ве́ником в ба́не** дар ҳаммом ба бадани худ ҷорӯб задан 2. *груб.* хуб масту аласт шудан

нахлобу́чивать *несов. см.* **нахлобу́чить**

нахлобу́чиваться *несов.* 1. *см.* **нахлобу́читься;** 2. *страд.* ба болои чашм фуроварда шудан

нахлобу́чить *сов. что разг.* зер карда пӯшидан, ба сари қош мондан, ба болои чашм фуровардан; ~ **ша́пку на глаза́** телпакро ба болои чашм фуровардан

нахлобу́читься *сов. разг.* фуромадан *(телпак ба болои гӯш, чашм)*

нахлобу́чк||а *ж разг.* гӯшмол, сарзаниш, танбеҳ; **получи́ть** ~**у** танбеҳ дидан

нахло́пать *сов. кого-что разг.* задан, бисьёр шаппотӣ (торсакӣ) задан; ~ **озорника́** бачаи шӯхро хуб торсакӣ задан

нахлопота́ться *сов. разг.* хеле ташвиш кашидан; аз ташвиш (аз давутоз) монда шудан; ~ **за́ день** аз ташвишҳои рузи дароз монда шудан

нахло́пывать *несов. см.* **нахло́пать**

нахлы́ну||ть *сов.* 1. ҷорӣ шудан, дамида баромадан, зер (пахш) кардан; **во́лны** ~**ли на бе́рег** мавҷҳо ба соҳил дамида баромаданд 2. *перен.* якбора омадан, нохост пайдо шудан; **на меня́** ~ **ли воспомина́ния** воқеаҳои гузашта якбора ба ёдам омаданд

нахму́ренн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пурчиншуда 2. *прил.* пурчин; ~**ый лоб** пешонаи пурчин; ~**ые бро́ви** абруи пурчин 3. *прил.* турширӯ; ~**ое лицо́** руи турш

нахму́ривать(ся) *несов. см.* **нахму́рить(ся)**

нахму́рить *сов. что (лоб, брови)* чин (пурчин) кардан, қавоқ андохтан; *(лицо)* рӯ турш кардан, лабу лунҷ овезон кардан; ~ **бро́ви** абрӯ чин кардан

нахму́ри||ться *сов.* 1. абрӯ чин (пурчин) кардан, қавоқ андохтан; рӯ турш кардан (шудан), лабу лунҷ овезон кардан; **лицо́** ~**лось** рӯ турш шуд 2. *перен.* тира (хира) шудан; **пого́да** ~**лась** ҳаво хира шуд; **не́бо** ~**лось** осмон тира шуд

находи́ть I *несов. см.* **найти́** I; **не** ~ **[себе́] ме́ста** бетоқат (беқарор) шудан, дар изтироб (дар ҳаяҷон) будан

находи́ть II *несов. см.* **найти́** II

находи́ться I *несов.* 1. *см.* **найти́сь;** 2. воқеъ будан, будан; **колхо́з нахо́диться недалеко́ от ста́нции** колхоз дар наздикии станция воқеъ аст 3. *страд.* ёфта шудан, пайдо карда шудан ◇ ~ **на краю́ ги́бели** дар дами ҳалокат будан

находи́ться II *сов. разг.* бисьёр роҳ гаштан; бисьёр гашта монда шудан; ~ **за́ день** рузи дароз гашта монда шудан

нахо́дк||а *ж* 1. бозьёфт, чизи ёфтшуда; **стол** ~**ок** шуъбаи бозьёфтҳо 2. *перен.* бозьёфти аъло (пурқимат, айни муддао); одами даркорӣ; **он для нас настоящая** ~**ка** вай барои мо одами бисьёр даркорӣ аст

нахо́дчивость *ж* чаққонӣ, ӯҳдабарой, ҳозирҷавобӣ, зиракӣ

нахо́дчивый, -ая, -ое (нахо́дчив, -а, -о) чаққон, ӯҳдабаро, ботадбир; ҳозирҷавоб(она), зирак(она); ~ **челове́к** одами уҳдабаро; ~ **отве́т** ҷавоби зиракона

нахожде́ние *с* (*по знач. гл.* **найти́** I) ёфтан(и), пайдо кардан(и)

нахозя́йничать *сов. разг.* хӯҷаинӣ карда кореро расво кардан

нахозя́йничаться *сов. разг.* хӯҷаини карда шудан

нахола́живать *несов. см.* **нахолоди́ть**

нахолоди́ть *сов. что прост.* хунук (сард) кардан; ~ **ко́мнату** хонаро хунук кардан

нахо́хливать(ся) *несов. см.* **нахо́хлить(ся)**

нахо́хлить *сов. что* пар сих кардан

нахо́хли||ться *сов.* 1. пар сих кардан, болу пар фаххос занондан; **воробе́й** ~**лся** гунҷишк парашро сих кард 2. *перен. разг.* лабу лунҷ овезон кардан

нахохота́ться *сов.* хуб қаҳ-қаҳ кардан, хуб (бисьёр) хандидан (қаҳқос задан)

нахра́пом *нареч. прост.* берӯёна, бешармона. густохона, бо зӯрӣ; **де́йствовать** ~ густохона рафтор кардан

нацара́пать *сов. что и без доп.* 1. харошидан, харошида навиштан 2. *перен. разг.* каҷу килеб (чалама-чаттӣ) навиштан; ~ **письмо́** чалама-чаттӣ хат навиштан

нацара́пывать *несов. см.* **нацара́пать**

нацеди́ть *сов. что, чего* қатра-қатра (оҳиста-оҳиста) рехтан

нацеди́ться *сов.* қатра-қатра (оҳиста-оҳиста) рехта шудан

наце́живать *несов. см.* **нацеди́ть**

наце́живаться *несов.* 1. *см.* **нацеди́ться;** 2. *страд.* оҳиста-оҳиста рехта шудан

наце́ливание *с* (*по знач. гл.* **наце́лить**) нишон кардан(и), ба нишон рост кардан(и)

наце́ливать *несов. см.* **наце́лить**

наце́ливаться *несов.* 1. *см.* **наце́литься;** 2. *страд.* ба нишон рост карда шудан

наце́лить *сов. что* 1. нишон кардан, ба нишон рост кардан; ~ **пу́шку** тӯпро ба нишон рост кардан 2. *перен. разг.* ба роҳ мондан (андохтан), равона кардан

наце́литься *сов.* 1. нишон гирифтан, ҳадаф кардан 2. *перен. на что с неопр. и без доп. разг.* ният кардан, қасд кардан

на́цело *нареч. разг.* пурра, тамоман, бутун, бе бақия, бе каср; **число́ де́лится** ~ адад бе каср тақсим мешавад

нацени́вать *несов. см.* **нацени́ть**

нацени́ть *сов. что торг.* нархро баланд кардан; ~ **това́р** нархи молро баланд кардан

наце́нк||а *ж торг.* 1. (*по знач. гл.* **нацени́ть**) баланд кардани нарх; **производи́ть** ~**у** нархро баланд кардан 2. нархи иловагӣ

нацепи́ть *сов. что* 1. овехтан, овезон (андармон) кардан; ~ **вёдра на коромы́сло** сатилҳоро ба кашшак овехтан 2. *разг.* овехтан; ~ **се́рьги** гӯшвора овехтан

нацепля́ть *несов. см.* **нацепи́ть**

наци́зм *м* нацизм *(фашизми Германия)*

национализа́ция *ж* милликунонӣ, миллӣ кардан(и); ~ **промы́шленности** миллӣ кардани саноат

национализи́ровать *сов., несов. что* миллӣ кардан; ~ **сре́дства произво́дства** воситаҳои истеҳсолотро миллӣ кардан

национализи́роваться 1. *сов.* , *несов.* миллӣ шудан 2. *несов. страд.* миллӣ карда шудан

национали́зм *м полит.* миллатчигӣ; **буржуа́зный** ~ миллатчигии буржуазӣ

национализова́ть(ся) *сов., несов. см.* **национализи́ровать(ся)**

национали́ст *м* миллатчӣ; **буржуа́зные** ~**ы** миллатчиҳои буржуазӣ

националисти́ческий, -ая, -ое ...и миллатчигӣ

национали́стский, -ая, -ое ...и миллатчӣ

национа́льно-освободи́тельн||ый, -ая, -ое миллии озодихоҳӣ, миллии озодихоҳона; ~**ая борьба́** муборизаи миллии озодихоҳӣ

национа́льност||ь *ж* 1. миллачӣ, миллият; **таджик по** ~**и** миллаташ тоҷик 2. миллӣ будан(и); ~**ь иску́сства** миллӣ будани санъат

национа́льн||ый, -ая, -ое (национа́лен, -льна, -льно) 1. ...и миллат, миллӣ; ~**ая культу́ра** маданияти миллӣ; ~**ые обы́чаи** урфу одати миллӣ 2. *тк. полн. ф.* давлатӣ; ~**ый флаг** байрақи давлатӣ

наци́ст *м* нацист *(аъзои партияи фашистии Германия)*

наци́стский, -ая, -ое нацистӣ

на́ци||я *ж* 1. миллат; **пра́во** ~**й на самоопределе́ние** ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо 2. давлат, мамлакат; **Организа́ция Объединённых На́ций** Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида

нацменьшинство́ *с* (национа́льное меньшинство́) *разг.* майдамиллат, миллати майда

начади́ть *сов.* курдуд кардан, бо дуд пур кардан

нача́л||о *с* 1. ибтидо, сар, аввал; ~**о у́лицы** сари куча 2. сар, аввал, шуруъ; асос, оғоз; ~**о уче́бного го́да** сари соли таҳсил; **от** ~**а до конца́** аз сар то ба охир; **положи́ть** ~**о чему́-л.** асос гузоштан, сар кардан; **вести́** ~**о от кого́-чего́-л.** аз касе, чизе сар шудан, аз касе, чизе пайдо шудан; **с са́мого** ~**а** аз аввал; **лиха́ беда́** ~**о** *погов.* сари кор сар кафонад 3. *(основа)* мабдаъ, манбаъ, сарчашма, сабаби асосӣ 4. *мн.* **нача́ла** асос, асосҳо, принцип; ~**а хи́мии** асосҳои химия 5. *мн.* **нача́ла** тарика, тарик, тарз; **на доброво́льных** ~**ах** ба тариқи ихтиёрӣ; на

компанейских ~ах ҳарифона 6. *уст.* *(закон, правило)* асл, моҳият ◇ **под ~ом у кого-л.** *уст.* дар тахти сардории касе; **по ~у** аввал, дар аввал

начальник *м* сардор; ~ **управления** сардори идора; ~ **станции** сардори станция; **непосредственный** ~ сардори бевосита

начальница *уст. и разг. женск. к* **начальник**

начальническ||ий, -ая, -ое 1. ...и сардор; ~**ие обязанности** вазифаҳои сардор 2. *см.* **начальственный** 2

начальн||ый, -ая, -ое 1. аввал, аввала, аввалин; ~**ая скорость** суръати аввала 2. ибтидоӣ, поёнӣ; ~**ое образование** маълумоти ибтидоӣ; ~**ые классы** синфҳои поёнӣ

начальственный, -ая, -ое 1. ...и сардор 2. сардорона, омирона, мутакаббирона; ~ **тон** оҳанги омирона

начальств||о *с* 1. *собир.* маъмурият; калонҳо, сардорон; **по распоряжению ~а** бо фармоиши калонҳо 2. *разг.* *(начальник)* сардор 3. сардорӣ; **принять ~о над учреждением** сардори муассиса шудан ◇ **по ~у докладывать (посылать** *и т. п.*) *уст.* ба сардорон хабар расондан

начальствование *с* (*по знач. гл.* **начальствовать**) сардорӣ, сардорӣ кардан(и)

начальствовать *несов. уст.* сардорӣ кардан

начальствующий, -ая, -ее *прич.*, *прил.* сардор, сардорикунанда; ~ **состав армии** ҳайати сардории армия

начат||ок *м* 1. *уст. см.* **начало** 2; 2. *мн.* **начатки** ибтидо; ~**ки знаний** ибтидои дониш

начать *сов.* 1. *что или с неопр.* сар (шурӯъ, оғоз) кардан; ~ **строительство** сохтмонро сар кардан; ~ **учиться** ба хондан шурӯъ кардан 2. *с неопр.* сар шудан, омадан; **начало светать** субҳ дамид; **начал накрапывать дождь** борон якта-нимта омад 3. *что* сар кардан, кушодан; ~ **новую банку варенья** банкаи нави мурабборо кушодан ◇ ~ **с того, что...** пеш аз ҳама..., аз ҳама муҳимаш ин ки...

начаться *сов. с чего, чем и без доп.* сар (шурӯъ, оғоз) шудан; **начался новый учебный год** соли нави таҳсил сар шуд

начдив *м* (**начальник дивизии**) сардори дивизия, начдив

начеканивать *несов. см.* **начеканить**

начеканить *сов. что, чего* сикка (зарб) задан; ~ **серебряной монеты** пули нуқра сикка задан

начеку *нареч.* омода, ҳозир, тайёр, ҳушьёр, муҳайё; **быть** ~ ҳушьёр будан

начеркать *сов. разг.* 1. *что (быстро, небрежно написать, нарисовать)* тез (чалачулпа) навиштан; тез (чалачулпа) кашидан 2. *что, чего* хат зада чиркин кардан (кур кардан)

начёркивать *несов. см.* **начеркать**

начернить *сов. что* сиёҳ кардан

начерно *нареч.* ба таври мусаввада, хомакӣ, чала, нимкора; **написать** ~ хомакӣ навиштан

начерпать *сов. что, чего* пур карда гирифтан, кашидан *(мас. обро)*; ~ **воды ковшом** об бо обгардон гирифтан

начерпывать *несов. см.* **начерпать**

начертание *с* 1. (*по знач. гл.* **начертать**) навиштан(и); расм (тарҳ) кашидан(и); пешгӯӣ кардан(и), пешакӣ муайян кардан(и) 2. тарҳ, шакл, расм, нақш, нигор, навишт; ~ **букв** шакли ҳарфҳо

начертательн||ый, -ая, -ое: ~**ая геометрия** геометрияи тасвирӣ

начертать *сов. что* 1. *уст. (написать, нарисовать)* навиштан; расм (тарҳ) кашидан 2. *(определить, указать)* пешгӯӣ кардан, пешакӣ, муайян (таъин) кардан

начертить *сов. что, чего* кашидан, нақша кашидан, тасвир кардан; ~ **много карт** харитаи бисёр кашидан

начерчивать *несов. см.* **начертить**

начёс *м* 1. (*по знач. гл.* **начесать**) шона кардан(и), шона тайёр кардан(и) 2. *(ворс)* пат; **шерсть с густым ~ом** пашминаи серпат 3. *(количество начёсанного волокна, шерсти)* миқдори нахи пашми шонакардашуда 4. *(причёска)* тарзи мӯймонӣ 5. *(расчёсанное место)* ҷои аз хориш шалҳидаи пӯсти бадан

начесать *сов.* 1. *что, чего* наддофӣ кардан, наддофӣ карда мондан; ~ **льну** тори зағирпояро наддофӣ карда мондан; ~ **козьего пуху** тибити бузро наддофӣ карда мондан 2. *что разг.* харидан; ~ **руку до крови** дастро хуншор кардан 3. *на что разг.* ба таври фаххосӣ мӯи сар мондан; ~ **волосы на лоб** мӯйсарро ба пешона овезон карда мондан

начесть *сов. что бухг.* начёт кардан

начёсывание *с см.* **начёс** 1

начёсывать *несов. см.* **начесать**

начёт *м бухг.* подош; **сделать ~ на кого-л.** аз касе подош гирифтан

начётисто *нареч. прост.* зарароварона), зиёновар(она)

начётистый, -ая, -ое *прост.* зараровар, зиёновар

начётнический, -ая, -ое қориёна, тутивор

начётничество *с* қоригӣ

начётчик *м* 1. *уст.* муллои ривоятдон; қорӣ 2. *перен.* қорӣ

начин *м прост.* сар кардан(и)

начинание *с* шурӯъ, ташаббус, иқдом; **полезное** ~ ташаббуси муфид

начинатель *м* ташаббускор

начинательный, -ая, -ое *грам.* ...и оғози амал; ~ **глагол** феъли оғози амал

начинать *несов. см.* **начать** ◇ ~ **с азов** аз худи аввал сар кардан

начинаться *несов.* 1. *см.* **начаться**; 2. *страд.* сар (шурӯъ) карда шудан

начинающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* саркунанда, шурӯъкунанда, оғозкунанда 2. *прил. и в знач. сущ.* **начинающий** *м*, **начинающая** *ж* навомуз, навшогирд, навкор, навқалам; ~**ий писатель** нависандаи навқалам; **учебник для ~их** китоби дарсӣ барои навомӯзон

начиная 1. *деепр.* сар карда 2. *предлог с род.* аз ... сар карда; ~ **с этого дня** аз ҳамин рӯз сар карда

начинивать *несов. см.* **начинить** II

начинить I *сов.* 1. *что чем* пур кардан, ҷо кардан, андохтан; ~ **фаршем** қима андохтан 2. *кого-что чем перен. разг.* ёд додан, талқин кардан

начинить II *сов. что, чего* 1. дарбеҳ кардан (андохтан); ~ **много белья** либоси бисьёреро дарбеҳ кардан 2. тез кардан, тарошидан; ~ **карандашей** қаламҳоро тез кардан

начинк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **начинить** I 1) пур кардан(и), андохтан(и) 2. қима; **пирожки с мясной ~ой** самбусаи гӯштин; **конфеты с шоколадной ~ой** конфети шоколаддор

начиночн||ый, -ая, -ое қимабоб; ~**ое мясо** гушти қимабоб

начинять *несов. см.* **начинить** I

начисление *с* 1. (*по знач. гл.* **начислить**) ҳисоб карда илова намудан(и); ҳисоб карда навиштан(и); ~ **заработной платы** ҳисоб кардани музди кор 2. маблағи (пули) ҳисоб кардашуда

начислить *сов. что* ҳисоб кардан, ҳисоб карда илова намудан; ~ **проценты на капитал** фоизи сармояро ҳисоб кардан // *(записать на чей-л. счёт)* ҳисоб карда навиштан [ба касе]; ~ **заработную плату** маошро ҳисоб карда навиштан

начислять *несов. см.* **начислить**

начисляться *несов. страд.* ҳисоб карда шудан

начистить *сов.* 1. *что, чего* пок (тоза) кардан; ~ **кастрюлю картошки** як дегча картошка пок кардан 2. *что разг.* топ-тоза кардан, нағз тоза кардан; ~ **посуду** зарфро нағз тоза кардан; ~ **сапоги** мӯзаро топ-тоза кардан

начиститься *сов. разг.* худро (либоси худро) топ-тоза кардан; ~ **до блеска** пӯшоки худро топ-тоза кардан

начисто *нареч.* 1. *(набело)* пок, тоза; **переписать** ~ рӯйнавис (покнавис) кардан 2. *разг.* рӯйрост, кушоду равшан; **рассказать всё** ~ ҳамаашро рӯйрост гуфтан 3. *разг.* тамоман, қатъиян; **забыть всё** ~ ҳамаашро тамоман фаромӯш кардан ◇ **чисто-~** топ-тоза; **вымыть** ~ топ-тоза шустан

начистоту *нареч.* рӯйрост, кушоду равшан; **объясниться** ~ руйрост гуфтугу кардан

начистую *нареч. прост.* 1. пурра, тамоман, комилан 2. *см.* **начистоту**

начитанность *ж* фозил будан(и); **он отличается большой ~ю** вай одами хеле фозил аст

начитанный, -ая, -ое (начитан, -а, -о) фозил, бисьёр хондагӣ, аллома; ~ **человек** одами бисьёр хондагӣ

начитать *сов. разг. что, чего* хондан, хонда баромадан; ~ **много лекций** бисьёр лекция хондан

начита́ться *сов.* бисьёр хондан; ~ **стихо́в** бисьёр шеър хондан

начи́тывать I *несов. см.* **начёсть**

начи́тывать II *несов. см.* **начита́ть**

начиха́ть *сов.* 1. *разг.* атса зада олуда кардан 2. *перен. прост. см.* **начха́ть**

начища́ть *несов. см.* **начи́стить**

начища́ться *несов.* 1. *см.* **начи́ститься**; 2. *страд.* топ-тоза карда шудан

начсоста́в *м* (начальствующий соста́в) ҳайати сардорон; ~ **а́рмии** ҳайати сардорони армия

начуди́ть *сов. разг.* корҳои аҷиб кардан

начха́ть *сов. прст.* писанд (парво) накардан, боке надоштан

наш (на́ша, на́ше, на́ши) *мест. притяж.* 1. ...и мо, аз они мо; ~**а ро́дина** ватани мо; ~ **класс** синфи мо 2. *в знач. сущ.* **на́ше** *с* чизи худи // *в сочет. со сравн. ст. наречия* аз мо; **вы зна́ете бо́льше** ~**его** шумо аз мо дида зиёдтар медонед 3. *в знач. сущ.* **наши** *мн. разг.* хешовандони мо, одамони мо, аз они худӣ; ~**и ско́ро приє́дут** хешовандони мо ба қарибӣ меоянд // *в знач. сущ.* **наш** *м*, **на́ша** *ж прост.* сардорамон, мудирамон ◇ ~ **брат** мо баринҳо, мо барин одамҳо; [**э́то**] ~**е де́ло** [ин] кори мо; [**э́то**] **не** ~**е де́ло** [ин] кори мо не; **и** ~**им и ва́шим** на сих сузад, на кабоб; ~**е вам!** *прост. шутл.* салом!, салом додем!; ~**а берёт (взяла́)!** дасти мо боло!; **знай** ~**их!** *прост.* мо ана ҳамин хел!, ба мо қоил шав!, бо мо шухӣ накун!; мо ҳам аз дигарҳо кам не!; **где** ~**е не пропада́ло!** боке нест!

на́ша *ж см.* **наш**

нашага́ться *сов. разг.* бисьёр гаштан; бисьёр гашта монда шудан; ~ **за́ день** рузи дароз гашта монда шудан

нашали́||ть *сов.* шӯхӣ кардан; **де́ти** ~**ли** бачаҳо шухӣ карданд

нашали́||ться *сов. разг.* хуб шӯхӣ кардан; **де́ти** ~**лись** бачаҳо хуб шухӣ карданд

наша́ривать *несов. см.* **наша́рить**

наша́рить *сов. кого-что разг.* даст-даст карда кофтан (ёфтан); ~ **в темноте́ спи́чки** дар торикӣ гугирдро даст-даст карда ёфтан

нашармака́ *нареч. прост* бе пул, муфт, тегин

нашаты́рный, -ая, -ое навшодирӣ, ...и навшодир; ~ **спирт** ҷавҳари навшодир

нашаты́рь *м* 1. *хим.* навшодир 2. *разг.* (*нашатырный спирт*) ҷавҳари навшодир

нашвыря́ть *сов. что, чего разг.* партофтан, андохтан, ҳаво додан; партофта (андохта) пур кардан; ~ **камне́й** санг партофта пур кардан

на́ше *с см.* **наш**

наше́йный, -ая, -ое *уст.* ...и гардан, гарданпеч; ~ **плато́к** рӯмоли гарданпеч

нашелуши́ть *сов. что, чего разг.* пӯст кандан (гирифтан), аз пӯчоқ баровардан, тоза кардан, муқашшар кардан

на́шенский, -ая, -ое аз они мо, аз они худӣ

нашепта́ть *сов.* 1. *что, чего и без доп.* пичир-пичир кардан 2. *что, чего и без доп. уст.* хабаркашӣ (суханчинӣ, ғайбат) кардан 3. *на что* ҷоду (сеҳр, азоимхонӣ) кардан

нашепта́ться *сов. разг.* бисьёр пичир-пичиркунон гап задан

нашёптывание *с* 1. (*по знач. гл.* **нашепта́ть**) пичир-пичир кардан(и) 2. хабаркашӣ, суханчинӣ, ғайбат

нашёптывать *несов. см.* **нашепта́ть**

нашёптываться *несов. см.* **нашепта́ться**

наше́ст *м см.* **насе́ст**

наше́ствие *с* 1. ҳуҷум, тохтутоз 2. *перен. разг. шутл.* гала шуда омадан(и)

на́ши *мн. см.* **наш**

нашива́ние *с см.* **наши́вка** I

нашива́ть *несов. см.* **наши́ть**

нашива́ться *несов. страд.* духта часпонда шудан

наши́вк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **наши́ть**) духтачаспонӣ, дӯхта часпондан(и); ~**и пу́говиц** шинондани тугма 2. порчаи аз руй дӯхташуда 3. *воен.* аломат; ~**и на пого́нах** аломати руи погон

нашивн||о́й, -а́я, -о́е аз руй духташуда; ~**ые карма́ны** кисаҳои аз руй духташуда

нашинкова́ть *сов. что, чего* реза кардан; ~ **капу́сты** карам реза кардан

нашинко́вывать *несов. см.* **нашинкова́ть**

наши́ть *сов.* 1. *что* аз рӯй дӯхтан, дӯхта часпондан; ~ **карма́н** аз рӯй киса дӯхтан 2. *что, чего* (*сшить*) дӯхтан; ~ **ле́тних пла́тьев** куртаҳои тобистонӣ дӯхтан

нашко́дить *сов. прост.* шӯхӣ (шумӣ) кардан, бетартибӣ (вайронкорӣ) кардан

нашлёпать *сов. кого-что разг.* шапалоқ (торсакӣ, шаппотӣ, шатта) задан, задан; ~ **шалуна́** бачаи шухро задан

нашлёпка *ж разг.* чизи часпондашуда

нашпигова́ть *сов.* 1. *что, чего* бо резаҳои равғани хук пур (ҷо) кардан 2. *кого-что перен. разг.* гап ёд додан, талқин кардан

нашпиго́вывать *несов. см.* **нашпигова́ть**

нашпи́ливать *несов. см.* **нашпи́лить**

нашпи́лить *сов. кого-что на что разг.* халондан, гузарондан, шинондан; ~ **ба́бочку на була́вку** шапалакро ба нуги сарсузан гузарондан

наштампова́ть *сов. что, чего* штампкорӣ кардан, бо штампкорӣ тайёр кардан; ~ **дета́лей** детальҳоро бо штампкорӣ тайёр кардан

наштампо́вывать *несов. см.* **наштампова́ть**

нашто́пать *сов. что, чего разг.* руфу (дарбеҳ, ямоқ) кардан; ~ **чуло́к** ҷуроб дарбеҳ кардан

нашуме́||ть *сов.* 1. мағал (шавқун) кардан; **он** ~**л и ушёл** у мағал карду рафт 2. *перен.* овоза кардан (баровардан); **э́та кни́га си́льно** ~**ла** ин китоб овоза баровард, ин китоб бисьёр машҳур шудааст

нащёлкать *сов.* 1. *что, чего разг.* шикастан; ~ **оре́хов** чормағз шикастан 2. *кого-что и без доп. прост.* ҳӯппоқ (черт) задан; ~ **по́ лбу** ба пешонӣ ҳӯппоқ задан

нащёлкива||ть *несов.* 1. *см.* **нащёлкать**; 2. *чем* черт задан, қарсас занондан; ~**ть кнуто́м** тозиёнаро қарсас занондан 3. (*петь — о птицах*) чириққос (чаҳ-чаҳ) задан, чириқ-чириқ кардан; **в саду́** ~**ет солове́й** дар боғ булбул чаҳ-чаҳ зада истодааст

нащепа́ть *сов. что, чего* кафондан, параха (пора) кардан; ~ **ку́чу ще́пок** як тӯда параха тайёр кардан

нащипа́ть *сов.* 1. *что, чего* чида ғундоштан (ҷамъ кардан), кандан; ~ **травы́** алаф кандан 2. *что разг.* пучидан, чимдӣ кардан; ~ **ру́ки** дастҳоро пучидан

нащи́пывать *несов. см.* **нащипа́ть**

нащу́пать *сов. что* 1. даст-даст карда ёфтан, ламс карда ёфтан, даст зада дидан; ~ **пульс** набзро ёфтан 2. *перен. разг.* ёфтан, кофта ёфтан, муқаррар (пайдо) кардан; ~ **по́чву для перегово́ров** барои гуфтушунид замина пайдо кардан

нащу́пывание *с* (*по знач. гл.* **нащу́пать**) ёфтан(и), муқаррар кардан(и)

нащу́пывать *несов. см.* **нащу́пать**

наэконо́мить *сов. что, чего разг.* сарфа кардан, сарфакорӣ карда ғундоштан (ҷамъ кардан), пасандоз кардан; ~ **де́нег** сарфакорӣ карда пул ғундоштан

наэлектризова́ть *сов.* 1. *что физ.* электронидан, қувваи электрик додан (гузаронидан) 2. *кого-что перен.* ба ҳаяҷон (ба шавқ) овардан; ~ **слу́шателей** шунавандагонро ба ҳаяҷон овардан

наэлектризова́ться *сов.* 1. *физ.* электронида шудан, қувваи электрик гирифтан 2. *перен.* ба ҳаяҷон (ба шавқ) омадан

наэлектризо́вывать *несов. см.* **наэлектризова́ть**

наэлектризо́вываться *несов* 1. *см.* **наэлектризова́ться**; 2. *страд.* электронида шудан

наябедничать *сов. разг.* хабаркашӣ (ғапчинӣ) кардан, ғайбат кардан

наяву́ *нареч.* дар ҳақиқат, ҳақиқатан; дар бедорӣ, дар ҳушьёрӣ; **не во сне, а** ~ дар хоб не, дар бедорӣ

ная́да *ж миф.* париИ обӣ (*дар асотири Юнони Қадим*)

наяривать *несов. что и без доп. прост.* бо саргармӣ навохтан; бо шавқ (бо ғайрат) коре кардан; ~ **на гармо́шке** бо саргармӣ гармонь навохтан

не I *частица отриц.* 1. *придаёт значение полного отрицания* не, на (на-), нест; **э́то не моя́ кни́га** ин китоби ман не; **я не пойду́ в теа́тр** ман ба театр намеравам; **не уходи́!** нарав!; **он так измени́лся, что его́ не узна́ть** ӯ чунон

атғьир ёфтааст, ки шинохта намешавад; **я вовсе не хотел вас обидеть** ман шуморо ҳеҷ (ҳаргиз) хафа кардан намехостам; **не так скоро** на ба ин наздикӣ, на он қадар зуд 2. *придаёт значение неопределенности* на (на=) ... на (на=); ...ҳам на (на=); **что-то чернеет вдали: человек не человек, дерево не дерево** аз дур чизе сиёҳ менамояд, на ба одам монанд, на ба дарахт; **горит не горит** ҳам месузад, ҳам намесузад 3. *придаёт выражению утв. значение:* 1) *перед словами с отриц. знач.* на (на=) ... на (на=); **не могу не согласиться** розӣ нашуда наметавонам; **нельзя не понять этого** инро нафаҳмидан мумкин нест 2) *в вопр. предложениях с частицей «ли»* мумкин аст [ки]...; на (на=) ...=мӣ..., ё...; **не нужно ли вам чего?** мумкин аст ба шумо ягон чиз лозим бошад? 3) *в воскл. предложениях с мест. «кто», «что», нареч. «как» и т. п.* на=...; **кто не знает его!** кӣ уро намедонад! 4) *перед сущ. с предлогом «без»* не, нест; **не без этого** бе ин не; **свет не без добрых людей** *погов.* дар дуньё одамони хуб кам нестанд 4. *с частицами «чуть», «едва», «едва ли» и т. д. образует сочет. со знач. возможности, допустимости* қариб, қариб аст [ки]...; **чуть не каждый это знает** инро қариб ҳама медонанд; **он едва не упал** у қариб афтида буд 5. *при гл. на «-ся» с приставкой «на=» обозначает невозможность прекращения какого-л. действия, состояния* [ҳеҷ] ... на=, [ҳеҷ] не (нест); **гляжу не нагляжусь на него** аз дидори вай ҳеҷ сер намешавам; **мать не нарадуется на дочь** модар аз духтараш бисьёр хурсанд ◇ **не раз** борҳо, чанд бор, чанд маротиба; **не то** 1) *(в противном случае)* вагарна, дар акси ҳол; набошад; **уходи, не то прогонят** бирав, вагарна пеш мекунанд 2) *(или)* ё... ё... на (на=), ...-мӣ ... на (на=) ... -мӣ...; **не то ехать, не то нет** равам ё наравам; **не кто иной, как он** маҳз ӯ, худи ӯ; **тем не менее** аммо, вале, лекин, бо вуҷуди ин; **ему не по себе** авзоаш беҷо, табъаш хира

нé II *ҷузъи заданоки ҷонишинҳои «некого», «нечего», ки дар таркибҳои пешояндор ҷудо мешавад:* **нé к кому пойти** касе надорам, ки наздаш равам; **нé о чем говорить** ҷои гап нест

не= *приставка префиксе, ки ба калима маънои «зид» медиҳад:* **недруг** душман; **неправда** дуруғ; **неприязнь** хусумат, душманӣ; **невнимательный** бедиққат, камдиққат

неаккуратность *ж* беинтизомӣ, бепарвоӣ, мусоҳилакорӣ; бедиққатӣ

неаккурати||ый, -ая, -ое (неаккурат|ен, -на, -но) 1. беинтизом(она), бепарво(ёна), мусоҳилакор(она); **~ый работник** коркуни беинтизом 2. *разг.* бедиққат, носоз, бонуқсон; **~ая работа** кори бедиққат 3. бесомон, бетартиб; **~ый человек** одами бесомон

неактуальность *ж* беахамиятӣ, камаҳамиятӣ; **~ вопроса** муҳим набудани масъала

неактуальн||ый, -ая, -ое (неактуален, -льна, -льно) беаҳамият, камаҳамият, ғайримуҳим; **~ая статья** мақолаи беаҳамият

неандерталец *м антроп.* одами неандерталӣ

неандертальский, -ая, -ое *антроп.* неандерталӣ; **~ человек** одами неандерталӣ

неаполитанск||ий, -ая, -ое неаполӣ; **~ие песни** сурудҳои неаполӣ

неаппетитн||ый, -ая, -ое (неаппетит|ен, -на, -но) 1. иштиҳогир, бемаза; **~ая еда** хуроки бемаза 2. *перен. разг.* дилнописанд, дилнокаш; **~ый вид** намуди дилнокаш

небез= (небес=) *приставка префикси мураккаб, ки барои аз исм сифат сохтан хизмат карда, дорои маънои сифати муътадил ё кифоя мебошад:* **небезгрешный** гунаҳгор, то андозае гунаҳгор; **небезуспешный** муваффақиятнок

небезвредный, -ая, -ое (небезвред|ен, -на, -но) зарарнок, зараровар, то андозае зарарнок

небезвыгодн||ый, -ая, -ое (небезвыгод|ен, -на, -но) фоиданок, фоидабахш, фоидаовар, судманд; **~ое дело** кори фоидаовар

небезгрешный, -ая, -ое (небезгреш|ен, -на, -но) гунаҳгор, то андозае гунаҳгор; **~ человек** одами гунаҳгор

небездарный, -ая, -ое (небездар|ен, -на, -но) ба андозае истеъдоднок (боистеъдод); **~ писатель** нависандаи ба андозае боистеъдод

небезнадёжн||ый, -ая, -ое (небезнадёж|ен, -на, -но) умедбахш, як андоза умедбахш; **~ое положение** вазъияти умедбахш

небезобидный, -ая, -ое (небезобид|ен, -на, -но) на чандон беозор; **~ человек** одами на чандон беозор

небезопасн||ый, -ая, -ое (небезопас|ен, -на, -но) хатарнок, хавфнок, таҳлуканок; **~ое положение** вазъияти хатарнок

небезосновательн||ый, -ая, -ое (небезоснователен, -льна, -льно) асоснок; **~ые сомнения** гумонҳои асоснок; **~ые доводы** далелҳои асоснок

небезразличн||ый, -ая, -ое (небезразлич|ен, -на -но) боилтифот, илтифоткорона; **~ое отношение** муносибати илтифоткорона

небезрезультатный, -ая, -ое (небезрезультат|ен, -на, -но) бо натиҷа

небезукоризненн||ый, -ая, -ое (небезукоризнен, -на, -но) нуқсондор, боиллат; **~ое поведение** ахлоқи нуқсондор

небезупречный, -ая, -ое (небезупреч|ен, -на, -но) боиллат, нуқсондор, сазовори сарзаниш

небезуспешн||ый, -ая, -ое (небезуспеш|ен, -на, -но) як андоза бомуваффақият, бобарор; **~ая поездка** сафари бобарор; **~ые исследования** тадқиқоти як андоза бомуваффақият

небезучастный, -ая, -ое (небезучаст|ен, -на, -но) ҳавасманд(она); **~ зритель** тамошобини ҳавасманд; **~ взгляд** нигоҳи ҳавасмандона

небезызвестный, -ая, -ое (небезызвест|ен, -на, -но) машҳур, овозадор, маълум; **~ учёный** олими машҳур

небезынтересн||ый, -ая, -ое (небезынтерес|ен, -на, -но) шавқовар, ҷолиби диққат; **~ая статья** мақолаи шавқовар

небелёный, -ая, -ое шустагарӣ нашуда; **~ холст** карбоси шустагарӣ нашуда

небережливость *ж* беэҳтиётӣ, ноэҳтиёткорӣ

небережливый, -ая, -ое (небережлив, -а, -о) исрофкор; **~ человек** одами исрофкор

небес= *приставка префиксе, ки пеш аз ҳамсадоҳои беҷаранг ба ҷои «небез=» меояд:* **небескорыстный** ботамаъ, боғараз(она); *см. тж.* **небез=**

небеса *мн. от* **небо**

небескорыстн||ый, -ая, -ое (небескорыст|ен, -на, -но) ботамаъ, тамаъкор(она), ғаразнок, боғараз(она); **~ая помощь** ёрмандии тамаъкорона

небесно-голубой, -ая, -ое осмонӣ, осмониранг, кабуди паст; **~ цвет** ранги осмонӣ

небесн||ый, -ая, -ое 1. осмонӣ, фалакӣ, ...и осмон; **~ый свод** гунбази осмон; **~ая сфера** сфераи осмон; **~ые тела** ҷирмҳои осмонӣ 2. *перен. уст.* фавқулодда, беҳамто; **~ая красота** зебоии фавқулодда ◇ **~ая канцелярия** *шутл.* хости фалак *(онд ба боду ҳаво)*; **~ый меридиан** *астр.* меридиани осмон *(доираи калони осмон, ки хати он аз самти қутбҳои олам, самти раъс ва самти назир мегузарад)*; **~ый цвет** ранги осмонӣ (кабуд); **олух царя ~ого** *прост.* гули худо; **как (будто, словно, точно) манны ~ой ждать (жаждать** *и т. п.*) муштоқ будан; **жить как птица ~ая** парвои замину осмон надомтан; **питаться манной ~ой** *шутл.* нимгушна умр ба сар бурдан; **разверзлись хляби ~ые** осмон тешук шуд

небесплодн||ый, -ая, -ое (небесплод|ен, -на, -но) то андозае босамар (натиҷанок); **~ые старания** кушишҳои то андозае босамар

небесполезн||ый, -ая, -ое (небесполез|ен, -на, -но) фоидабахш, муфид, судманд, аз фоида холӣ не; **~ая поездка** сафари фоидабахш

небеспристрастн||ый, -ая, -ое (небеспристраст|ен, -на, -но) боғараз(она), тарафгир(она); **~ое отношение** муносибати боғаразона

неблаговидность *ж* ношоистагӣ, бадӣ; **~ поступка** ношоистагии рафтор

неблаговидный, -ая, -ое (неблаговид|ен, -на, -но) беадаб(она), ношоиста, нораво; **~ поступок** рафтори беадабона

неблагодарность *ж* ношукрӣ, кӯрнамакӣ, носипосӣ; **отплатить чёрной ~ю** курнамакӣ кардан

неблагодарн||ый, -ая, -ое (неблагодар|ен, -на, -но) 1. *прил. и в знач. сущ.* **неблагодарный** *м*, **неблагодарная** *ж* ношукр, курнамак, носипос 2. *перен.* назарногир, камқадр; **~ая работа** кори камқадр

неблагожелательность *ж* бадхоҳӣ, бадандешӣ

неблагожелательн||ый, -ая, -ое (неблагожелате|лен, -льна, -льно) бадхоҳ(она), бадандеш; **~ый человек** одами бадхоҳ; **~ое отношение** муносибати бадхоҳона

неблагозвучие *с* гушхарошӣ

неблагозвучность *ж* гушхарошӣ; **~ мелодии** гушхароши оҳанг

неблагозвучн||ый, -ая, -ое (неблагозвуч|ен, -на, -но) гушхарош; **~ые стихи** шеърҳои гушхарош

неблагонадёжность *ж уст. полит.* беэътимодӣ, шубҳанок будан(и)

неблагонадёжный, -ая, -ое (неблагонадёж|ен, -на, -но) *уст. полит. прил. и в знач. сущ. м* беэътимод, шубҳанок; **политически неблагонадёжен** аз ҷиҳати сиёсӣ беэътимод

неблагонамеренность *ж уст.* бадхоҳӣ

неблагонамеренный, -ая, -ое (неблагонамерен, -на, -но) *уст. полит. прил. и в знач. сущ. м* беэътимод, шубҳанок

неблагополучие *с* ногуворӣ, носозӣ

неблагополучно 1. *нареч.* бадбахтона 2. *в знач. сказ. безл.* нооромаст, бад аст, ногувор, носоз; **у них в доме ~** хонаводаи онҳо носоз

неблагополучный, -ая, -ое (неблагополуч|ен, -на, -но) бад, фалокатбор, номусоид; **~ исход дела** оқибати бади кор

неблагопристойно *нареч. уст.* беадабона, ношоиста; **~ вести себя** беадабона рафтор кардан

неблагопристойност||ь *ж уст.* беадабӣ, беодобӣ, ношоистагӣ; рафтори беодобона; сухани беодобона; **~ь поведения** беодобона будани рафтор; **говорить ~и** сухани беодобона гуфтан

неблагопристойный, -ая, -ое (неблагопристо|ен, -йна, -йно) *уст.* беадаб(она), беодоб(она), ношоиста, носазовор; **~ поступок** рафтори ношоиста

неблагоприятн||ый, -ая, -ое (неблагоприят|ен, -на, -но) номусоид, носоз, номувофиқ, мухолиф; **~ая погода** ҳавои номусоид; **~ые климатические условия** шароити носози иқлим; **~ый ответ** ҷавоби номувофиқ

неблагоразумие *с* беандешагӣ, бехирадӣ, беақлона будан(и), номаъқулӣ

неблагоразумно *нареч.* беақлона, беандеша; **~ вести себя** беақлона рафтор кардан

неблагоразумный, -ая, -ое (неблагоразум|ен, -на, -но) беақл(она), бехирад(она), беандеша; **~ человек** одами беақл; **~ поступок** кирдори беақлона

неблагородный, -ая, -ое (неблагород|ен, -на, -но) 1. бешараф(она), паст, бад, ношоиста; **~ поступок** рафтори бад 2. *тк. полн. ф. уст.* ғайри аъёну ашроф, омӣ

неблагосклонность *ж* номеҳрубонӣ

неблагосклонн||ый, -ая, -ое (неблагосклон|ен, -на, -но) номеҳрубон(она); **~ое отношение** муносибати номеҳрубонона

неблагоустроенность *ж* нооободӣ, нобобӣ, носозӣ, ობод набудан(и); **~ дома** нооободии хона

неблагоустроенный, -ая, -ое нообод, нобоб, носоз; **~ дом** хонаи нообод

неблестящ||ий, -ая, -ее (неблестящ, -а, -е) чандон хуб не, суст; **~ий ответ на экзамене** ҷавоби суст дар имтиҳон; **дела его ~и** корҳои у чандон хуб не

нёбиость *ж лингв.* комӣ

нёбн||ый, -ая, -ое 1. *анат.* комӣ, ...и ком; **~ые кости** устухонҳои ком; **~ая занавеска** пардаи ком 2. *лингв.* комӣ; **~ые согласные** ҳамсадоҳои комӣ

нёб||о *с* (*мн.* небеса) 1. осмон, фалак; **синее ~о** осмони кабуд; **звёздное ~о** осмони ситоразор 2. *рел.* осмон; ҷаннат 3. *обл.* боло ◇ **[как] ~о и земля** рузу шаб барин, обу оташ барин; **как гром среди ясного ~а** мисли балои ногаҳонӣ; **между ~ом и землёй** 1) бе хона, бе макон, ломакон 2) дар ҳолати номуайян; **на склоне ~а** дар осмон, дар само; **под открытым ~ом** дар зери осмон, дар куча, дар берун; **~о коптить** умрро бекора гузарондан; **~о с овчинку (в овчинку) показалось** *кому прост.* осмон бо сараш фуру рафт; **[аж] ~у жарко будет (станет)** чангашро ба осмон мебарорад; **~еса разверзлись** осмон тешук шуд; **быть (чувствовать себя) на седьмом ~е** бисьёр хурсанд будан, аз шодӣ сар ба фалак расидан; **витать между ~ом и землёй** хаёлпарастӣ кардан, хаёли хом дар сар парваридан; **вознести (превознести) до ~ес** *кого-что* ба осмонҳо баровардан; **как (будто, словно, точно) с ~а свалился (упал)** 1) аз осмон афтидагӣ барин; **он внезапно приехал, точно с ~а свалился** у аз осмон афтидагӣ барин омада монд 2) намефаҳмад; худро ба нодонӣ мезанад; **да что ты прикидываешься, словно с ~а упал?** чаро худро ба нодонӣ мезанӣ?; **попасть пальцем в ~о** гапи беҷо задан; ҷавоби бемавқеъ додан; **упасть с ~а на землю** аз аспи хаёлот фуромадан; **он звёзд с ~а не хватает** одами одмиёна (ҳамтуҳо); **семь вёрст до ~ес [и всё лесом] наобещать (наговорить) кому-л.** бо чормағзи пуч домани касеро пур кардан

нёбо *с* 1. *анат.* ком; **мягкое ~** коми нарм; **твёрдое ~** коми сахт 2. *обл.* сақфи печи русӣ

небогат||ый, -ая, -ое (небогат, -а, -о) 1. камбағал, қашшоқ, дасткутоҳ; **~ая семья** оилаи камбағал 2. хоксорона, камороиш, оддӣ, содда; **~ая комната** хонаи камороиш 3. *перен.* маҳдуд, кам; **~ый выбор товаров** хелҳои камн мол

небоеспособность *ж* қобили ҷанг набудан(и); **~ отряда** қобили ҷанг набудани отряд

небоеспособный, -ая, -ое (небоеспособ|ен, -на, -но) қобили ҷанг набуда

небожитель *м книжн.* аҳли малакут

небокоптитель *м разг.* одами бекор (беамал), бекорхуҷа, беҳудагард

небольш||ой, -ая, -ое 1. хурд, майда, хурдакак, хурдтарак, кам; **~ая комната** хонаи хурдакак 2. кутоҳ, мухтасар; **~ой перерыв** танаффуси кутоҳ 3. хурд, ночиз, кам, андак; **~ая услуга** хизмати ночиз 4. одмиёна, ҳамтуҳо; **~ой знаток** донишманди ҳамтуҳо ◇ **с ~им** андак зиёд, каме зиёд(тар); **ему лет пятьдесят с ~им** синни у аз панҷоҳ каме зиёд

небосвод *м* осмон, фалак, гунбази фалак

небосклон *м* уфуқ, нишебии осмон

небоскрёб *м* иморати осмонхарош

небось *вводн. сл. прост.* эҳтимол, аз афти кор; **~, устали после дороги?** эҳтимол, куфти роҳ шуморо монда карда бошад

небрежение *с уст. книжн.* 1. бепарвой, беғамй, мусоҳилакорӣ, фориғболӣ 2. (*запущенность, заброшенность*) бенигоҳубинӣ, беназоратӣ, бепарасторӣ

небрежничать *несов. разг.* бепарвоӣ (мусоҳилакорӣ,ноэҳтиётӣ) кардан

небрежно *нареч.* бепарвоёна, мусоҳилакорона, бедиққатона; **~ относиться к делу** ба кор бепарвоёна муносибат кардан

небрежност||ь *ж* 1. мусоҳилакорӣ, бепарвоӣ, бедиққатӣ, беэҳтиётӣ; **непростительная ~ь** мусоҳилакории афвнопазир; **допустить ошибку по ~и** аз бедиққатӣ хато кардан 2. беэътиноӣ, калонигарӣ; **~ь тона** беэътиноии оҳанг 3. *уст.* (*запущенность, заброшенность*) беназоратӣ, бенигоҳубинӣ, бепарасторӣ

небрежн||ый, -ая, -ое (небреж|ен, -на, -но) 1. бепарво(ёна), мусоҳилакор(она), бедиққат(она), беэҳтиёт(она); **~ый работник** коркуни мусоҳилакор; **~ый ученик** талабаи бедиққат; **~ая работа** кори мусоҳилакорона 2. беэътиноёна, калонгирона; **~ый кивок головы** беэътиноёна сар ҷунбондан

небречь *несов. кем-чем уст. книжн.* беэътиноӣ кардан, парво накардан, аҳамият надодан, лоиқ надонистан

небритый, -ая, -ое ришрасида, ришнотарошида, ришногирифта

небывал||ый, -ая, -ое диданашуда, бемисл, бемонанд, бемислу монанд, беназир; **~ый урожай** ҳосили бемислу монанд; **~ое происшествие** ҳодисаи диданашуда

небывальщина *ж уст. см.* **небылица**

небылиц||а *ж* афсона, дуруғ, гапи сохта, ҳарза; **рассказывать ~ы** афсонагуӣ кардан

небыль *ж обл. см.* **небылица**

небытие *с книжн.* нестӣ, фано, адам; **уйти в ~** ба оламӣ фано рафтан, аз ҷаҳон гузаштан, мурдан

небьющ||ийся, -аяся, -ееся нашика-

нанда, намешикастагӣ, нашикастанӣ; ~**еея стекло** шишаи нашикананда

неважне́цкий, -ая, -ое *прост. см.* **нева́жный** 2

нева́жно *нареч.* хуб не, ғайриқаноатбахш, суст; **я себя́ чу́вствую** ~ тобам не (нест), мазаам не (нест)

нева́жн||ый, -ая, -ое (нева́ж|ен, -на́, -но) 1. беаҳамият, камаҳамият; ~**ый вопро́с** масъалаи камаҳамият 2. *разг.* миёна, суст; ~**ое здоро́вье** саломатии суст

невдалеке́ *нареч.* дар наздикӣ, наздик; ~ **от до́ма** дар наздикии хона; **он живёт** ~ у дар наздикӣ истиқомат мекунад

невдога́д *нареч. обл. см.* **невдомёк**

невдомёк *нареч. в знач. сказ. кому разг.* нафаҳмидан, пай набурдан, ба хотир нарасидан; **а мне и** ~ ба хотирам нарасид

неве́дени||е *с* ғафлат, бехабарӣ, ғофилӣ ◇ **находи́ться (быть) в блаже́нном** ~и дар ғафлат будан, пай набурдан

неве́домо *нареч. в сочет. со словами «кто», «что», «какой», «когда», «как» и т. п.* номаълум, ким-; ~ **когда́** ким-кай; ~ **кто** ким-кӣ; **он яви́лся** ~ **отку́да** у аз ким-куҷо пайдо шуд

неве́дом||ый, -ая, -ое (неведом, -а, -о) 1. номаълум, ношинос 2. маҷҳул, пурасрор; ~**ая си́ла** кувваи пурасрор

невéжа *м, ж* 1. одами беадаб (беодоб, дағал) 2. *уст. см.* **невéжда**

невéжда *м, ж* ҷоҳил

невéжественность *ж* ҷоҳилӣ, ҷаҳолат

невéжественн||ый, -ая, -ое (невéжествен, -на, -но) ҷоҳил(она); ~**ое сужде́ние** мулоҳизаи ҷоҳилона; ~**ый в му́зыке** аз мусиқӣ бехабар

невéжество *с* 1. ҷоҳилӣ, ҷаҳолат 2. *разг.* беадабӣ, беодобӣ, дағалӣ, беназокатӣ

невéжливость *ж* беадабӣ, дағалӣ, беназокатӣ

невéжливый, -ая, -ое (невежлив, -а, -о) беадаб(она), беодоб(она), дағал(она), беназокат; ~ **челове́к** одами беназокат; ~ **отве́т** ҷавоби беодобона

невезе́ние *с разг.* нобарорӣ, нокомӣ

невезу́чий, -ая, -ее (невезуч, -а, -е) *разг.* бетолеъ, ноком; ~ **челове́к** одами бетолеъ

невели́к||ий, -ая, -ое (невели́к, -а, -о) 1. хурд, хурдакак, хурдтарак, пастакак; **ро́стом невели́к** қадаш пастакак 2. беҳуда, беаҳамият, бекора, ночиз; осон, саҳл; ~**а беда́** ҳеҷ гап не

невели́чка *м, ж фольк.*: **ро́стом** ~ пакана; **пти́чка-**~ синчалак, чинкарча

неве́рие *с* 1. нобоварӣ, беэътиқодӣ, беэътимодӣ; ~ **в свои́ си́лы** нобоварӣ ба қувваи худ 2. *(атеизм)* бехудоӣ, бединӣ, даҳригӣ

неве́рность *ж* 1. нодурустӣ, дуруғӣ, хатогӣ ~ **мы́сли** нодурустии фикр 2. бевафоӣ, бесадоқатӣ, хиёнат; ~ **дру́га** бевафоии дуст

неве́рн||ый, -ая, -ое (неве́р|ен, -на́, -но) 1. нодуруст, дуруғ, хато, ғалат; ~**ое сообще́ние** ахбороти нодуруст; ~**ый перево́д** тарҷумаи хато 2. бевафо, бесадоқат, хоин, ҷафокор, гаддор; ~**ый друг** дӯсти бевафо; ~**ый сою́зник** иттифоқчии хоин; ~**ый муж** шавҳари бевафо; ~**ая жена́** зани бевафо // *чаще кр. ф. чему* бевафо; ваъдахилоф; **он неве́рен своему́ сло́ву** у ваъдахилоф аст, вай ба қавли худ намеистад 3. ноустувор; ~**ая похо́дка** қадаммонии ноустувор 4. *уст.* беэътимод, шубҳанок; **э́то де́ло** ~**ое** ин кори шубҳанок аст 5. *в знач. сущ.* **неве́рный** *м.* **неве́рная** *ж уст.* кофир, беимон ◇ **Фома́** ~**ый** Фомаи беимон *(киноя аз Фома ном авлиёи насоро, ки ба эҳёи Исо ҳеҷ бовар намекард; маҷозан одами якраву нобовари гарданшах)*

невероя́ти||е *с уст. см.* **невероя́тность** ◇ **до** ~**я** ниҳоят, бениҳоят

невероя́тно *нареч.* ниҳоят, бениҳоят

невероя́тност||ь *ж* 1. аз ақл берун будан(и), аз ҳақиқат дур будан(и); ~**ь происше́ствия** аз ақл берун будани ҳодиса 2. чизи аз ақл берун; **рассказа́ть ма́ссу** ~**ей** як туда чизҳои аз ақл берун ҳикоят кардан ◇ **до** ~**и** ниҳоят, бениҳоят; **он до** ~**и измени́лся** у бениҳоят дигар шудааст

невероя́тн||ый, -ая, -ое (невероя́т|ен, -на, -но) 1. боварнокардани, аз ақл берун, аз ҳақиқат дур; ~**ый слу́чай** воқеаи аз ақл берун 2. фавқулодда, бениҳоят; тоқатфарсо; ~**ая боль** дарди тоқатфарсо

неве́рующий, -ая, -ее бедин, бемазҳаб, беимон; ~ **челове́к** одами бедин // *в знач. сущ.*. **неве́рующий** *м*, **неве́рующая** *ж* бедин, даҳрӣ ◇ **Фома́** ~ *см.* **неве́рный (Фома́ неве́рный)**

неве́село 1. *нареч.* ғамгинона, маҳзунона; ~ **улыбну́ться** ғамгинона табассум кардан 2. *в знач. сказ. безл.* дилгир аст, ғамовар аст; **в гостя́х бы́ло** ~ дар меҳмонӣ хурсандӣ нашуд

невесёл||ый, -ая, -ое (неве́сел, -а́, -о) 1. ғамгин(она), маҳзун(она); ~**ая улы́бка** табассуми ғамгинона; ~**ое лицо́** чеҳраи ғамгин 2. дилгиркунанда, ғамовар; ~**ая доро́га** роҳи дилгиркунанда; ~**ое заня́тие** машғулияти дилгиркунанда; ~**ые ду́мы** фикру хаёлҳои ғамовар

невесо́мость *ж* бевазнӣ

неоднократность *ж* чандкарата (чандкаратӣ) будан(и), чанд дафъа будан(и)

неоднократный, -ая, -ое чанд карат, чандинбора, чанд маротиба, чанд дафъа, такроран

неоднородность *ж* гуногунтаркибӣ, гуногунҷинсӣ, гуногуннавъӣ, гуногунӣ; ~ **состава** гуногунтаркибӣ

неоднородн||ый, -ая, -ое (неоднород|ен, -на, -но) 1. гуногунтаркиб, гуногунҷинс, гуногуннавъ, гуногун; ~**ая смесь** омехтаи гуногунтаркиб 2. бемисл, беназир; ~**ые явления** ҳодисаҳои бемисл

неодобрение *с* писанд накардан(и), маъқул надонистан(и), норозигӣ; таҳдир накардан(и); **высказать своё** ~ норозигии худро изҳор намудан

неодобрительно *нареч.* писанд накарда, нописандона; **он** ~ **покачал головой** у нописандона сар ҷунбонд

неодобрительный, -ая, -ое (неодобрите|лен, -льна, -льно) нописандона, манфӣ, бад; ~ **взгляд** нигоҳи нописандона; ~ **отзыв** фикру мулоҳизаи манфи

неодолимо *нареч.* сахт, зуран; **меня** ~ **клонит ко сну** хобам сахт мебарад

неодолимость *ж* бартарафнопазирӣ, бартарафнашаванда будан(и); мағлубнашаванда будан(и), зурӣ, тавоноӣ; ~ **нового** бартарафнопазирии чизи нав

неодолим||ый, -ая, -ое (неодолим, -а, -о) бартарафнашаванда, рафънашаванда; мағлубнашаванда, зур, сахт; ~**ое препятствие** монеаи бартарафнашаванда

неодушевлённост||ь *ж* беҷонӣ, беруҳӣ, беҷон (беруҳ) будан(и); ~**ь предметов** беҷонии чизҳо; **категория** ~**и** *лингв.* категорияи исмҳои беҷон

неодушевлённ||ый, -ая, -ое 1. беҷон, беруҳ; ~**ая материя** материяи беҷон; ~**ая природа** табиати беҷон 2. *грам.* беҷон; ~**ое имя существительное** исми беҷон

неожиданно *нареч.* ногаҳон, тасодуфан, иттифоқан, аз ғайри чашмдошт; ~ **пошёл дождь** ногаҳон борон борид

неожиданность *ж* 1. ногаҳонӣ (тасодуфӣ) будан(и) 2. воқеаи ногаҳонӣ; **его приезд явился для меня** ~**ю** омадани у барои ман воқеаи ногаҳонӣ буд

неожиданн||ый, -ая, -ое (неожидан, -на, -но) нохост, ногаҳонӣ, тасодуфан, аз ғайри чашмдошт; ~**ый гость** меҳмони ногаҳонӣ; ~**ое нападение** ҳуҷуми ногаҳонӣ

неоимпрессионизм *м иск.* неоимпрессионизм *(равияи шаклпарастиест, дар санъати тасвирии Франция)*

неокантианство *с филос.* неокантичигӣ *(ҷараёни идеалистӣ дар фалсафаи буржуазии нимаи дуюми асри 19)*

неоклассицизм *м иск.* неоклассицизм *(ҷараёнҳои гуногун дар санъати буржуазии нимаи дуюми асри 19 ва асри 20)*

неоколониализм *м* навмустамликадорӣ

неокончательн||ый, -ая, -ое (неокончате|лен, -льна, -льно) хомакӣ, ғайриқатъӣ, ғайрикомил; ~**ое решение** қарори ғайриқатъӣ

неоконченность *ж* нотамомӣ, нопурагӣ, чала будан(и)

неоконченный, -ая, -ое нотамом, чала, нимкора; ~ **роман** романи нотамом

неокрепш||ий, -ая, -ее қувват нагирифта, суст, заиф; ~**ее здоровье** саломати суст

неолит *м археол.* неолит *(марҳилаи охирини давраи санг)*

неолитическ||ий, -ая, -ое *археол.* неолити, ...и неолит; ~**ая эпоха** давраи неолити

неологизм *м* неологизм, калимаи (истилоҳи) нав

неомальтузианство *с* неомальтусчигӣ

неон *м хим.* неон *(элементи химиявӣ, яке аз газҳои асил)*

неонацизм *м* неонацизм

неонов||ый, -ая, -ое неонӣ, ...и не-

он; **~ый свет** рушноии неонӣ; **~ая лампа** чароғи неонӣ

неопа́сно 1. *нареч.* бехатар, бехавф; безарар; **он ранен ~** у бехатар захмдор шудааст 2. *в знач. сказ.* хатарнок не, хавфнок не; **э́то ~** ин хавфнок нест

неопа́сн||ый, -ая, -ое (неопас|ен, -на, -но) 1. бехатар, бехавф; **ра́на была́ ~ой** ҷароҳат бехатар буд 2. безарар; **~ый сопе́рник** рақиби безарар

неоперúвшийся, -аяся, -ееся бепар, парнабароварда; **~ птене́ц** чуҷаи бепар//*перен. разг. шутл.* бетаҷриба, нав, хом

неопúсанный, -ая, -ое 1. тасвирнашуда, ба руйхат гирифтанашуда, аз руйхат монда 2. *уст. см.* **неопису́емый** 2

неопису́емо *нареч.* бемисл, беназир, тасвирнопазир; **она ~ краси́ва** вай беназир хушруй аст

неопису́ем|ый, -ая, -ое (неописуем, -а, -о) 1. тасвирнашаванда, баённашаванда, таърифнашаванда; **~ое собы́тие** ҳодисаи тасвирнашаванда 2. *(чрезвычайный)* фавқулодда, калон; **~ый восто́рг** ваҷду шодии фавқулодда

неопла́тный, -ая, -ое 1. адонашаванда, канданашаванда; **~ долг** қарзи канданашаванда 2. ба адои қарз ноқобил; **~ должник** қарздори ба адои қарз ноқобил

неопла́ченный, -ая, -ое адо кардаиашуда, пардохтанашуда, пул доданашуда; **~ чек** чеки пулаш доданашуда

неопо́знанный, -ая, -ое шинохтанашуда, ношинос; **~ предмет** чизи номаълум

неопра́вданн||ый, -ая, -ое 1. беасос, бедалел, беасл; **~ый вывод** хулосаи беасос 2. бефоида, беҳуда; **~ые расхо́ды** хароҷоти беҳуда

неопределённо *нареч.* номуайян, норавшан, муҷмал; **он отве́тил как-то ~** у ҷавоби муҷмал дод

неопределённость *ж* 1. номуайянӣ, норавшанӣ, муҷмалӣ; **~ отве́та** муҷмал будани ҷавоб; **~ положе́ния** номуайянии вазъият 2. вазъияти номуайян

неопределённ||ый, -ая, -ое (неопределён|ен, -на, -но) 1. номуайян, номуқаррар; **челове́к ~ого возраста** одами синну солаш номуайян 2. номуайян, норавшан; **~ая окраска** ранги норавшан; **~ое положе́ние** вазъияти номуайян; **~ый отве́т** ҷавоби муҷмал ◇ **~ые местоиме́ния** *грам.* ҷонишинҳои номуайяншахс; **~ое наклоне́ние, ~ая фо́рма глаго́ла** *грам.* масдар; **~ое уравне́ние** *мат.* муодилаи номуайян

неопределúмость *ж* муайяннашавандагӣ, муқаррарнашавандагӣ

неопределúм||ый, -ая, -ое (неопределим, -а, -о) муайяннопазир, муайяннашаванда, муайянношуданӣ, муқаррарнашаванда; **~ое состояние** ҳолати муайяннопазир

неопровержúмо *нареч.* раднашаванда, ба таври инкорнопазир

неопровержúмость *ж* раднопазир будан(и), раднашаванда будан(и), инкорнопазирӣ; **~ доводов** инкорнопазирии далелҳо

неопровержúм||ый, -ая, -ое (неопровержим, -а, -о) раднопазир, раднашаванда, инкорнопазир; **~ые доказательства** далелҳои раднопазир

неопря́тно *нареч.* ғайриозода, чиркин; бесомон

неопря́тность *ж* чиркинӣ; бесомонӣ; **~ оде́жды** чиркинии либос

неопря́тн||ый, -ая, -ое (неопрят|ен, -на, -но) 1. бетартиб, бесомон, чиркин; **~ый челове́к** одами чиркин 2. нимкола, бад; **~ая рабо́та** кори нимкола

неопублико́ванный, -ая, -ое чопнашуда, нашрнаёфта, нашрнашуда; **~ роман** романи чопнашуда

нео́пытност||ь *ж* бетаҷрибагӣ, ноозмудакорӣ, хомӣ; **по ~и** бинобар бетаҷрибагӣ

нео́пытный, -ая, -ое (нео́пыт|ен, -на, -но) бетаҷриба, ноозмудакор, хом, навмашқ

неорганизо́ванно *нареч.* номуташаккилона, ба таври ғайримуташаккил(она); **де́йствовать ~** номуташаккилона амал кардан

неорганизо́ванность *ж* номуташаккилӣ, ғайримуташаккилӣ, муташаккил набудан(и); **~ в рабо́те** номуташаккилӣ дар кор

неорганизо́ванн||ый, -ая, -ое (неорганизован, -на, -но) 1. номуташаккил(она), ғайримуташаккил(она); **~ое хозя́йство** хоҷагии номуташаккил 2. беинтизом; **~ый учени́к** талабаи беинтизом 3. номуташаккил, номуттафиқ; **~ое населе́ние** аҳолии номуттафиқ

неоргани́ческ||ий, -ая, -ое ноорганикӣ, ғайризинда; **~ий мир** олами ноорганикӣ; **~ая приро́да** табиати ғайризинда; **~ая химия** химияи ноорганикӣ

неореали́зм *м филос.* неореализм (1. *равияи идеалистии фалсафаи буржуазии асри 20;* 2. *равияи адабиёт ва кинои Италияи солҳои 40—50)*

неореалисти́ческий, -ая, -ое неореалисти, ...и неореализм

неосведомлённость *ж* бехабар будан(и), бехабарӣ, воқиф (хабардор) набудан(и), ноогоҳӣ

неосведомлённый, -ая, -ое бехабар, новоқиф, ноогоҳ

неосёдланн||ый, -ая, -ое зин карданашуда, безин; **~ая лошадь** аспи зин карданашуда

неослабевающий, -ая, -ее сустнашаванда, доимӣ, як зайл

неосла́бно *нареч.* доимо, якзайл; **~ следить за ке́м-л.** ба касе доимо назорат кардан

неосла́бный, -ая, -ое (неосла́б|ен, -на, -но) сустнашаванда, доимӣ, якзайла; **~ контроль** назорати доимӣ

неосмотрительно *нареч.* беэҳтиётона, мулоҳиза накарда, бедиққатона, фикр накарда, бепарвоёна; **он поступил очень ~** у бисьёр беэҳтиётона рафтор кард

неосмотри́тельност||ь *ж* беэҳтиётӣ, бемулоҳизагӣ, бедиққатӣ, бепарвоӣ; **по (из-за) ~и** ба сабаби беэҳтиётӣ; **допусти́ть ~ь** беэҳтиётӣ кардан

неосмотри́тельный, -ая, -ое (неосмотри́те|лен, -льна, -льно) беэҳтиёт(она), бемулоҳиза, бедиққат(она), бепарво(ёна), **~ челове́к** одами беэҳтиёт; **~ посту́пок** рафтори бемулоҳиза

неосмысленно *нареч.* нафаҳмида, сарфаҳм нарафта, дарк накарда, бешуурона

неосмысленность *ж* даркнашуда (бешуурона) будан(и)

неосмысленный, -ая, -ое даркнашуда, бемулоҳиза; **~ отве́т** ҷавоби бешуурона

неоснова́тельно *нареч.* 1. беасос, бедалел; **~ обвини́ть** беасос айбдор кардан 2. бад, сатҳӣ, руякӣ; **~ знать что́-л.** чизеро сатҳӣ донистан

неоснова́тельность *ж* беасосӣ, бедалелӣ, беасос (бедалел) будан(и)

неоснова́тельн||ый, -ая, -ое (неоснова́те|лен, -льна, -льно) 1. беасос, бедалел; **~ое обвине́ние** айбдоркунии беасос; **~ый довод** далели беасос 2. *разг.* саҳлангор(она), сабукфикр(она); **~ый челове́к** одами сабукфикр

неоспори́мость *ж* баҳснопазирӣ, эътирознопазирӣ, инкорнопазирӣ, баҳснопазир будан(и); **~ доказательств** баҳснопазирии далелҳо

неоспоримый, -ая, -ое (неоспорим, -а, -о) баҳснопазир, эътирознопазир, бебаҳс, инкорнопазир; **~ факт** факти баҳснопазир

неосторожно *нареч.* беэҳтиётона, эҳтиёт накарда, бепарвоёна, парво накарда

неосторожность *ж* ноэҳтиётӣ, бепарвоӣ

неосторожн||ый, -ая, -ое (неосторож|ен, -на, -но) ноқулай, беэҳтиёт(она), бемулоҳиза, бепарво(ёна), **~ый челове́к** одами беэҳтиёт; **~ое слово** сухани ноқулай

неосуществи́мость *ж* иҷронашавандагӣ, маҳол будан(и)

неосуществи́м||ый, -ая, -ое (неосуществи́м, -а, -о) иҷронашаванда, маҳол, хом; **~ая мечта́** хаёли хом

неосяза́ем||ый, -ая, -ое (неосяза́ем, -а, -о) 1. ҳиснашаванда, ламснашаванда 2. *перен.* ночиз, бисьёр хурд, қариб нонамоён; **~ые результа́ты** натиҷаҳои ночиз

неотврати́мо *нареч.* ногузир, ҳатман, ноилоҷан; **~ приближалась ста́рость** пирӣ ногузир наздик меомад

неотвратимость *ж* ногузир (ҳатмӣ) будан(и), ноилоҷ будан(и)

неотвратимый, -ая, -ое (неотврати́м, -а, -о) ногузир, ҳатмӣ, ноилоҷ

неотвязно *нареч.* ба таври безоркунанда (дилбазан), шилқинона

неотвя́зность *ж* безоркунанда (дилбазан) будан(и), шилқинӣ

неотвязн||ый, -ая, -ое (неотвяз|ен, -на, -но) шилқин, доимӣ; **~ая мысль** фикри доимӣ

неотвязчивость *ж разг. см.* **неотвя́зность**

неотвязчивый, -ая, -ое (неотвязчив, -а, -о) *разг. см.* **неотвязный**

неотделимость *ж* чудоинопазир будан(и)
неотделимый, -ая, -ое (неотделим, -а, -о) чудоинопазир, чудонашаванда
неотёсанность *ж* дағалӣ, қурсӣ
неотёсанн||ый, -ая, -ое (неотёсан, -на, -но) 1. нотарошида, носуфта; **~ые доски** тахтаҳои нотарошида 2. *перен. разг.* дағал, қурс; **~ый парень** ҷавони қурс
неоткуда *нареч. с неопр.* аз ҳеҷ куҷо, аз ҳеҷ ҷо, ҷое нест ки...; **ему ~ получить нужные сведения** у аз ҳеҷ куҷо маълумоти даркорӣ гирифта наметавонад
неотлагательно *нареч. см.* **неотложно**
неотлагательный, -ая, -ое (неотлагате|лен, -льна, -льно) *см.* **неотложный**
неотложка *ж разг.* [мошини] ёрии таъҷилӣ
неотложно *нареч.* ба таври таъхирнопазир, таъхирнопазирона, таъҷилӣ
неотложность *ж* таъхирнопазирӣ, таъҷилӣ будан(и)
неотложн||ый, -ая, -ое (неотлож|ен, -на, -но) таъхирнопазир, зарурӣ, таъҷилӣ; **приехать по ~ому делу** бо кори таъҷилӣ омадан; **~ая медицинская помощь** ёрии таъҷилии тиббӣ
неотлучно *нареч.* ҷудонашуда, доимо, ҳамеша; **~ дежурить у постели больного** дар сари бистари бемор доимо навбатдорӣ кардан
неотлучн||ый, -ая, -ое (неотлуч|ен, -на, -но) 1. ҷудонашаванда, доимӣ; **~ый спутник** ҳамроҳи доимӣ 2. муттасил, доимӣ; **~ое дежурство** навбатдории доимӣ
неотразимость *ж* 1. *(удара и т. п.)* раднопазир (рафънопазир) будан(и) 2. эътирознопазир будан(и); **~ доказательств** эътирознопазир будани далелҳо 3. *перен.* фаттонӣ, дилрабоӣ, ҷозибӣ
неотразим||ый, -ая, -ое (неотразим, -а, -о) 1. раднопазир, рафънопазир; **~ый удар** зарбаи раднопазир 2. эътирознопазир; **~ые доводы** далелҳои эътирознопазир 3. *перен.* фаттон, дилрабо, ҷозиб; **~ая красота** ҳусни дилрабо
неотрывно *нареч.* муттасил, муттасилан, якзайл, бетанаффус
неотрывность *ж* муттасилӣ, якзайлӣ, бетанаффусӣ
неотрывн||ый, -ая, -ое (неотрыв|ен, -на, -но) муттасил, якзайл, бетанаффус; **~ое чтение** мутолиаи муттасил
неотступно *нареч.* исроркорона, боисрор, суботкорона
неотступность *ж* исроркорӣ, суботкорӣ
неотступн||ый, -ая, -ое (неотступ|ен, -на, -но) 1. исроркор(она), боисрор, суботкор(она); **~ые просьбы** илтимосҳои исроркорона 2. доимӣ, ҷудоинопазир; **~ые мысли** фикрҳои доимӣ
неотчётливо *нареч.* норавшан, ноаён, хира
неотчётливость *ж* норавшанӣ, хирагӣ; **~ изображения** хирагии тасвир
неотчётливый, -ая, -ое (неотчётлив, -а, -о) норавшан, ноаён, хира; **~ рисунок** расми норавшан
неотчуждаемость *ж юр.* мусодиранопазирӣ, мусодиранопазир будан(и); **~ ~ имущества** мусодиранопазирии молу мулк
неотчуждаем||ый, -ая, -ое *юр.* мусодиранопазир, мусодиранашаванда; **~ые доходы** даромадҳои мусодиранопазир
неотъемлемость *ж* ҷудоинопазир будан(и), дахлнопазирӣ, дахлнопазир будан(и)
неотъемлем||ый, -ая, -ое (неотъемлем, -а, -о) ҷудоинопазир, дахлнопазир, гирифтанашаванда; **~ое право** ҳуқуқи дахлнопазир; **~ая часть** қисми ҷудоинопазир
неофашизм *м* неофашизм
неофит *м книжн.* 1. навмазҳаб, навоин, навкеш 2. *(новичок в чём-л.)* навкор, навмашқ, навьёдгир
неофициально *нареч.* [ба таври] ғайрирасмӣ; **заявить ~** ғайрирасмӣ изҳор кардан
неофициальн||ый, -ая, -ое (неофициа|лен, -льна, -льно) ғайрирасмӣ; **~ое заявление** изҳороти ғайрирасмӣ
неохватн||ый, -ая, -ое (неохват|ен, -на, -но) 1. дар бар гирифтанашаванда, бисьёр ғафс; **~ые стволы деревьев** танаҳои бисьёр ғафси дарахтон 2. васеъ, беканор; **~ая ширь степей** фазои беканори даштҳо
неохот||а *ж* 1. набудани майлу хоҳиш, бемайлӣ, беҳавсалагӣ, берағбатӣ; **с ~ой** бо дили нохоҳам; **согласиться с ~ой** бо дили нохоҳам розӣ шудан 2. *в знач. сказ. кому с неопр. разг.* хоҳиш (ҳавсала, майл) нест (надорам); **мне ~а с ним разговаривать** ман майли бо вай гап задан надорам
неохотно *нареч.* бемайлу рағбат, бо дили нохоҳам
неохочий, -ая, -ее (неохоч, -а, -е) *прост.* беҳавсала
неоценённый, -ая, -ое (неоценён, -на, -но) *уст. см.* **неоценимый**
неоценимость *ж* бебаҳоӣ, қиматбаҳоӣ, гаронбаҳоӣ, пурқиматӣ, бебаҳо будан(и); **~ помощи** бебаҳо будани мадад
неоценим||ый, -ая, -ое (неоценим, -а, -о) бебаҳо, қиматбаҳо, гаронбаҳо, пурқимат; **~ые богатства** сарвати гаронбаҳо; **~ая услуга** хизмати бебаҳо
неощутимо *нареч.* номаълумакак, оҳистаяк
неощутимость *ж* номаълумакак будан(и)
неощутимый, -ая, -ое (неощутим, -а, -о) номаълумакак
неощутительно *нареч. см.* **неощутимо**
неощутительность *ж см.* **неощутимость**
неощутительный, -ая, -ое (неощутите|лен, -льна, -льно) *см.* **неощутимый**
непалец *м* марди непалӣ; *см.* **непальцы**
непалка *ж* зани (духтари) непалӣ; *см.* **непальцы**
непальцы *мн.* непалиҳо *(аҳолии асосии Непал)*
непарнокопытный, -ая, -ое *зоол.* 1. тоқсум 2. *в знач. сущ.* **непарнокопытные** *мн.* тоқсумҳо
непарн||ый, -ая, -ое ноҷуфт, тоқ; **~ая обувь** пойафзоли ноҷуфт; **~ые предметы** чизҳои тоқ
непедагогично *нареч.* ғайрипедагогӣ, берун аз (талаботи) педагогика
непедагогичн||ый, -ая, -ое (непедагогич|ен, -на, -но) ғайрипедагогӣ, берун аз талаботи педагогика; **~ое замечание** мулоҳизаи ғайрипедагогӣ
непереводимость *ж* тарҷуманашавандагӣ
непереводим||ый, -ая, -ое (непереводим, -ая, -о) ғайри қобили тарҷума, тарҷуманашаванда; **~ое выражение** ибораи тарҷуманашаванда
непередаваем||ый, -ая, -ое (непередаваем, -а, -о) ифоданашаванда, тасвирнашаванда, баённопазир; **~ое впечатление** таассуроти баённопазир
непереносим||ый, -ая, -ое (непереносим, -а, -о) тоқатфарсо, таҳаммулнопазир, аз тоқат берун; **~ая жара** гармои тоқатфарсо
непереходност||ь *ж грам.* нагузаранда (монда) будан(и)
непереходн||ый, -ая, -ое *грам.* нагузаранда, монда, ғайримутааддӣ; **переходные и ~ые глаголы** феълҳои гузаранда ва монда
непечатн||ый, -ая, -ое *разг.* бешарм (она), ношоиста, қабеҳ(она), кучагӣ; **~ые слова** суханони кучагӣ, гапҳои қабеҳ
неписан||ый, -ая, -ое нонавишта, ғайрирасмӣ, одатӣ; **по ~ым законам** аз руи қонунҳои одатӣ ◇ **~ая красота** ҳусни нонавишта
непитательность *ж* камғизоӣ, камқувватӣ
непитательный, -ая, -ое (непитате|лен, -льна, -льно) камғизо, камқувват, беқувват
неплавкий, -ая, -ое (неплав|ок, -ка, -ко) душворгудоз
неплатёж *м* надодани пул, адо накардан(и), напардохтан(и)
неплатёжеспособность *ж* дода натавонистани пул (қарз), адо карда натавонистани пул (қарз)
неплатёжеспособный, -ая, -ое (неплатёжеспособ|ен, -на, -но) ба адои пул (қарз) ноқобил
неплательщик *м* қарздор, адонакунанда; **злостный ~** қарздори доимӣ
неплодородность *ж* беҳосил (камҳосил, бесамар) будан(и); **~ почвы** беҳосил будани замин
неплодородн||ый, -ая, -ое (неплодород|ен, -на, -но) беҳосил, камҳосил, бесамар; **~ые земли** заминҳои беҳосил
неплодотворно *нареч.* бесамарона, бемаҳсул, каммаҳсул
неплодотворность *ж* бесамар (каммаҳсул, бенатиҷа, бебаракат) будан(и)
неплодотворн||ый, -ая, -ое (неплодо-

твор|ен, -на, -но) бесамар, каммаҳсул, беҳосил, бебаракат, камфоида; **~ая работа** кори каммаҳсул

неплотно *нареч.* нимпуш, нимроғ; **~ прикрыть дверь** дарро зич напушидан

неплохо *нареч.* бад не, хуб; **он живёт ~** зиндагии у бад не

неплохой, -ая, -ое (неплох, -а, -о) бад не, нағз, хуб; **он ~ работник** у коркуни бад не, вай коргари хуб аст

непобедимость *ж* мағлубнашавандагӣ, мағлубнашаванда будан(и)

непобедим||ый, -ая, -ое (непобедим, -а, -о) 1. мағлубнопазир, мағлубнашаванда, мағлубнашуданӣ; **~ая сила** қувваи мағлубнашаванда 2. *перен.* пурзур; **~ое чувство** ҳиссиёти пурзур ◇ **~ая армада** фавҷи мағлубнашаванда

неповадно *нареч. в знач. сказ. кому чаще с неопр. разг.*: **чтобы было ~** ...ки сабақ шавад

неповинный, -ая, -ое (неповин|ен, -на, -но) бегуноҳ, беайб

неповиновение *с* саркашӣ, беитоатӣ, итоат накардан(и), гарданғафсӣ

неповоротливо *нареч.* лавандона, давангона

неповоротливость *ж* лавандӣ, давангӣ, сустҳаракатӣ

неповоротливый, -ая, -ое (неповоротлив, -а, -о) 1. лаванд, даванг, сустҳаракат; **~ человек** одами лаванд 2. *перен.* суст, кунд; **~ ум** зеҳни кунд

неповторимо *нареч.* бемисл, бемонанд, беҳамто

неповторимость *ж* бемислӣ, бемонандӣ, беҳамтоӣ, беназирӣ, бемисл будан(и)

неповторим||ый, -ая, -ое (неповторим, -а, -о) бемисл, беамсол, бемонанд, беҳамто, беназир, фавқулодда; **~ое впечатление** таассуроти беназир

неповторяемый, -ая, -ое (неповторяем, -а, -о) *см.* **неповторимый**

непогода *ж* ҳавои бад

непогодушка *ж фольк. уменьш.-ласк. к* **непогода**

непогодь *ж прост. см.* **непогода**

непогожий, -ая, -ее *разг.* бад, боронӣ, нам, сербориш; **~ день** рузи сербориш

непогрешимо *нареч.* бехато, бенуқсон

непогрешимость *ж* дурусткорӣ, бесаҳвӣ, дурустӣ, бехато будан(и); **~ вывода** дурустии хулоса

непогрешимый, -ая, -ое (непогрешим, -а, -о) дурусткор; **~ человек** одами дурусткор

неподалёку *нареч.* дар наздикӣ, дар қарибӣ

неподатливость *ж* 1. сахтӣ, шахӣ, маҳкамӣ; **~ камня** сахтии санг 2. *перен.* якравӣ, саркашӣ, гарданшахӣ; **~ характера** якравӣ

неподатливый, -ая, -ое (неподатлив, -а, -о) 1. сахт, шах, маҳкам; ғайри қобили таъсир; **~ сплав** хулаи сахт 2. *перен.* якрав, саркаш, гарданшах, исроркор; **~ человек** одами якрав (гарданғафс)

неподатной, -ая, -ое *уст.* хироҷнадиҳанда, андознадиҳанда, аз хироҷ (аз андоз) озод

неподача *ж* надодан(и), нарасондан(и)

неподведомственность *ж* тобеъ набудан(и)

неподведомственный, -ая, -ое (неподведомствен, -на, -но) ғайритобеъ

неподвижно *нареч.* беҳаракат, номутаҳаррик(она)

неподвижность *ж* 1. беҳаракатӣ, сукунат; **~ воздуха** беҳаракатии ҳаво 2. *перен.* карахтӣ, оромӣ

неподвижн||ый, -ая, -ое (неподвиж|ен, -на, -но) 1. беҳаракат; **остаться ~ым** шах шуда мондан 2. *перен.* карахт; **~ый взгляд** нигоҳи карахт; **~ое лицо** чеҳраи карахт

неподготовленность *ж* тайёр набудан(и), тайёрӣ надоштан(и)

неподготовленный, -ая, -ое 1. бетайёрӣ, тайёрӣ надида; **~ докладчик** маърузачии тайёрӣ надида 2. нимкора; **~ доклад** маърузаи нимкора

неподдельно *нареч.* самимӣ, самимона, аз тахти дил

неподдельность *ж* 1. носохта будан(и); ҳақиқӣ (аслӣ, ғайрисунъӣ) будан(и) 2. самимият, табиӣ будан(и)

неподдельный, -ая, -ое (неподде|лен, льна, -льно) 1. асил, ҳақиқӣ, аслӣ, ғайрисунъӣ; **~ документ** ҳуҷҷати аслӣ 2. самимӣ, табиӣ, самимона

неподкупно *нареч.* содиқона, садоқатмандона, вафодорона

неподкупность *ж* садоқат, вафодорӣ, устуворӣ

неподкупный, -ая, -ое (неподкуп|ен, -на, -но) содиқ, бовафо, устувор; **~ человек** одами содиқ

неподобающе *нареч.* ба таври ношоиста (номуносиб)

неподобающ||ий, -ая, -ее ношоиста, номуносиб; **вести себя ~им образом** ношоиста рафтор кардан

неподобн||ый, ая, -ое *уст.*: **~ые слова** алфози қабеҳ

неподражаемо *нареч.* бемисл, бемонанд, беҳамто

неподражаемость *ж* бемислӣ, беҳамтоӣ, бемисл (беҳамто) будан(и)

неподражаемый, -ая, -ое (неподражаем, -а, -о) бемисл, бемонанд, беҳамто, беназир; **он ~ мастер своего дела** у устоди беназири кори худ аст

неподсудн||ый, -ая, -ое (неподсуд|ен, -на, -но) *юр.* суднопазир; **~ое дело** кори суднопазир

неподходящ||ий, -ая, -ее номуносиб, номувофиқ, нолоиқ; **~ие условия** шароити номуносиб

неподчинение *с* итоат накардан(и), саркашӣ, гардан нафуровардан(и), гардантобӣ

непозволительно *нареч.* номумкин, нораво, ноҷоиз; **он дёржит себя ~ грубо** у хеле дағалона рафтор мекунад

непозволительность *ж* номумкин (нораво, ноҷоиз) будан(и)

непозволительный, -ая, -ое (непозволите|лен, -льна, -льно) номумкин, нораво, ноҷоиз, ношоиста; **~ поступок** рафтори ношоиста

непознаваемость *ж* даркнопазирӣ, донистанашаванда (фаҳмиданашаванда) будан(и), қобили дарк набудан(и)

непознаваемый, -ая, -ое (непознаваем, -а, -о) даркнопазир, донистанашаванда, фаҳмиданашаванда

непокладистость *ж* якраҳагӣ, саркашӣ, якравӣ

непокладистый, -ая, -ое (непокладист, -а, -о) якраҳа, саркаш, якрав; **~ человек** одами якрав

непокойный, -ая, -ое (непоко|ен, -йна, -йно) *уст.* беқарор

непоколебимо *нареч.* устуворона, мустаҳкам, собитқадамона

непоколебимость *ж* устуворӣ, мустаҳкамӣ, матонат, собитқадамӣ

непоколебим||ый, -ая, -ое (непоколебим, -а, -о) устувор, мустаҳкам, матин, қавӣ, собитқадам; **~ая вера** боварии қавӣ

непокорённый, -ая, -ое таслимнашуда, мағлубнашуда

непокорность *ж* саркашӣ, беитоатӣ, итоат накардан(и), гардан нафуровардан(и)

непокорный, -ая, -ое (непокор|ен, -на, -но) саркаш(она), беитоат

непокрыт||ый, -ая, -ое 1. луч, бараҳна; **с ~ой головой** бо сари луч 2. *(некрытый)* нопушида, бебом 3. *(незакрытый)* кушода, бесарпуш, яла

неполадки *мн.* (ед. **неполадка** *ж*) 1. камбудӣ, норасоӣ, вайронӣ; **~ в машине** вайронии мошин 2. носозӣ, ноиттифоқӣ, нотифоқӣ; **~ в семье** нотифоқии оила

неполивн||ой, -ая, -ое *с.-х.* лалмӣ; **~ое земледелие** лалмикорӣ

неполитичн||ый, -ая, -ое (неполитич|ен, -на, -но) *уст.* беодоб(она), беадаб(она); **~ый человек** одами беодоб; **~ое поведение** рафтори беадабона

неполногласный, -ая, -ое *лингв.* ...и садоноки нопурра

неполнозубые *мн. зоол.* нопуррадандонхо

неполноправный, -ая, -ое (неполноправ|ен, -на, -но) камҳуқуқ

неполнота *ж* нопуррагӣ, номукаммалӣ; **~ сведений** номукаммалии маълумот

неполноценность *ж* камқиматӣ, пастсифатӣ; **~ товара** пастсифатии мол

неполноценн||ый, -ая, -ое (неполноцен|ен, -на, -но) камқимат, пастсифат; **~ый товар** моли пастсифат ◇ **~ая монета** *эк.* пули пуч

неполн||ый, -ая, -ое (непол|он, -на, -но) 1. нима, нисф; **~ая корзина** сабади нима 2. нотамом, номукаммал; **~ый перечень** руйхати номукаммал ◇ **~ое предложение** *грам.* ҷумлаи нопурра; **~ая средняя школа** мактаби миёнаи нопурра

неполовозрелый, -ая, -ое *биол.* ноболиғ

неположенн||ый, -ая, -ое номумкин,

номақбул, номуносиб; **явиться в ~ое время** дар вақти номуносиб омадан

непоме́рно *нареч.* беандоза, беҳад, аз ҳад зиёд; ~ **тяжёлый груз** бори аз ҳад зиёд вазнин

непоме́рность *ж* беандоза (беҳад, аз ҳад зиёд) будан(и)

непоме́рн||ый, -ая, -ое (непоме́р|ен, -на, -но) беандоза, беҳад, аз ҳад зиёд, фавқулодда; **~ая си́ла** қувваи фавқулодда

непонима́ние *с* нафаҳмидан(и), дарк накардан(и), нофаҳмӣ

непонима́ющий, -ая, -ее нофаҳм, ҳайратомез; ~ **взгляд** нигоҳи ҳайратомез

непоня́тливость *ж* бефаҳмӣ, кундзеҳнӣ, бефаросатӣ

непоня́тливый, -ая, -ое (непонятлив, -а, -о) бефаҳм, кундзеҳн, бефаросат

непоня́тно 1. *нареч.* номафҳум, номаълум 2. *в знач. сказ. безл.* фаҳмида намешавад, маълум нест; ~, **почему́ он се́рдится на меня́** сабаби аз ман қаҳрӣ буданаш маълум нест

непоня́тность *ж* номафҳумӣ, муғлақӣ, нофаҳмо будан(и)

непоня́тн||ый, -ая, -ое (непоня́т|ен, -на, -но) 1. фаҳмиданашаванда, номафҳум, муғлақ, душворфаҳм; **~ая зада́ча** вазифаи номафҳум 2. аҷиб, ҳайратовар; **~ый слу́чай** ҳодисаи аҷиб 3. *уст. прост. см.* **непоня́тливый**

непопада́ние *с* хато рафтан(и), нарасидан(и), ба ҳадаф нахурдан(и)

непоправи́мо *нареч.* ислоҳнопазир

непоправи́мость *ж* ислоҳнашаванда будан(и), ислоҳнопазирӣ

непоправи́м||ый, -ая, -ое (непоправи́м, -а, -о) ислоҳнашаванда, ислоҳнопазир, дурустнашаванда; **~ая оши́бка** хатои ислоҳнопазир

непоро́дный, -ая, -ое пастзот, безот; ~ **скот** чорвои пастзот

непоро́чность *ж* иффат; исмат

непоро́чн||ый, -ая, -ое (непороч|ен, -на, -но) 1. бокира, покдоман, боисмат; **~ая де́вушка** духтари бокира 2. *уст.* беайб, бенуқсон; **~ая слу́жба** хизмати бенуқсон

непоря́док *м* бетартибӣ

непоря́дочно *нареч.* пастҳимматона, бевиҷдонона, разилона; **поступи́ть** ~ разилона рафтор кардан

непоря́дочность *ж* пастҳимматӣ, бевиҷдонӣ, разилӣ

непоря́дочн||ый, -ая, -ое (непорядоч|ен, -на, -но) пастҳиммат(она), бевиҷдон(она), разил(она); **~ый челове́к** одами бевиҷдон; **~ое поведе́ние** рафтори разилона

непосвящённый -ая, -ое бехабар, нобалад // *в знач. сущ.* **непосвящённый** *м*, **непосвящённая** *ж* одами бехабар, одами нобалад

непосе́да *м, ж разг.* одами беқарор (бесаранҷом, ноором)

непосе́дливость *ж* беқарорӣ, бесаранҷомӣ, нооромӣ

непосе́дливый, -ая, -ое (непоседлив, -а, -о) беқарор(она), бесаранҷом(она); ~ **ребёнок** бачаи беқарор

непосеще́ние *с* иштирок накардан(и), ҳузур надоштан(и); ~ **заня́тий** ба дарсҳо иштирок накардан(и)

непоси́льн||ый, -ая, -ое (непоси́|лен, -льна, льно) аз қувват берун, зурнорас, бисьёр сахт, вазнин; **~ый труд** меҳнати бисьёр сахт; **~ая но́ша** бори вазнин

непосле́довательно *нареч.* номунтазам(она), номураттаб(она), номуттасил

непосле́довательность *ж* номунтазамӣ, бемантиқӣ, номуттасилӣ, номураттабӣ

непосле́довательн||ый, -ая, -ое (непосле́довате|лен, -льна, -льно) номунтазам, бемантиқ, номуттасил, номураттаб; **~ое сужде́ние** муҳокимаи бемантиқ//бесубот, ҳардамхаёл; **~ый челове́к** одами бесубот

непослуша́ние *с* саркашӣ, итоат накардан(и), гардан нафуровардан(и); **наказа́ть ребёнка за** ~ бачаро барои саркашиаш танбеҳ додан

непослу́шно *нареч.* саркашӣ карда, беитоатона

непослушн||ый, -ая, -ое (непослуш|ен, -на, -но) 1. саркаш, беитоат, якрав, гарданшах; **~ый ребёнок** бачаи саркаш 2. *перен.* фаххак, сих; **~ые ви́хры** муйсари сих 3. *перен.* беихтиёр(она); **из глаз её текли́ ~ые слёзы** аз чашмонаш беихтиёр ашк мерехт

непосре́дственно *нареч.* 1. *(прямо)* бевосита, рост 2. *(естественно)* табиӣ

непосре́дственность *ж* табиӣ будан(и); ~ **поведе́ния** табиӣ будани рафтор

непосре́дственн||ый, -ая, -ое (непосре́дствен, -на, -но) 1. бевосита; **~ое нача́льство** сардорони бевосита; **под ~ым руково́дством** дар зери роҳбарии бевосита; **находи́ться в ~ой бли́зости к чему́-л.** ба чизе бевосита наздик будан 2. табиӣ, бетакаллуфона

непостижи́мо *нареч.* аз ақл берун

непостижи́мость *ж* аз ақл берун будан(и), ақлнорас будан(и), даркнашаванда будан(и)

непостижи́м||ый, -ая, -ое (непостижи́м, -а, -о) аз ақл берун, ақлнорас, даркнашаванда; **э́то для меня́ ~ая зага́дка** ин барои ман муаммои ақлнорас аст ◇ **уму́ ~о** аз ақл берун

непостоя́нн||ый, -ая, -ое (непостоян|ен, -на, -но) 1. нопойдор, ноустувор, тағьирьёбанда; **~ая пого́да** ҳавои тағьирьёбанда 2. бесубот, ҳардамхаёл; бевафо; **~ый челове́к** одами ҳардамхаёл

непостоя́нство *с* 1. нопойдорӣ, ноустуворӣ, тағьирьёбӣ; ~ **пого́ды** тағьирьёбии обу ҳаво 2. бесуботӣ, ҳардамхаёлӣ; бевафоӣ; **же́нское** ~ бевафоии зан

непоти́зм *м* 1. *ист.* непотизм *(амалу вазифаҳои сердаромад ва мулкҳоро ба хешовандони худ додани папаҳои Рим)* 2. *перен. книжн.* ошнобозӣ, ҷурабозӣ

непотопля́емость *ж мор.* ғарқнопазирӣ

непотре́бн||ый, -ая, -ое (непотреб|ен, -на, -но) *уст.* 1. *(ненужный)* нолозим, нодаркор 2. *прост.* қабеҳ; **~ые слова́** алфози қабеҳ

непохо́жий, -ая, -ее (непохо́ж, -а, -е) монанднабуда, шабоҳатнадошта

непоча́т||ый, -ая, -ое 1. сар карданашуда, бутун, пур, даст расонданашуда; **~ая буты́лка** шишаи пур 2. *перен.* бисьёр, фаровон, моломол, беҳисоб; **~ый запа́с сил** қувваи бисьёр ◇ ~ **й край (у́гол)** *чего* фаровонӣ, беҳадду ҳисоб; **рабо́ты у него́ ~ый край** кори у аз муи сараш ҳам зиёд аст

непочте́ние *с* беҳурматӣ, беадабӣ, беэҳтиромӣ

непочти́тельно *нареч.* беҳурматона, беадабона; ~ **держа́ть себя́** беадабона рафтор кардан

непочти́тельность *ж* беҳурматӣ, беодобӣ, беэҳтиромӣ; **наказа́ть за** ~ барои беодобӣ ҷазо додан

непочти́тельн||ый, -ая, -ое (непочти́те|лен, -льна, -льно) беодоб(она); **~ые де́ти** бачаҳои беодоб; **~ое отноше́ние** муносибати беодобона

непра́вд||а *ж* 1. дуруғ; **сказа́ть ~у** дуруғ гуфтан 2. *(обман)* қаллобӣ, фиреб ◇ **все́ми пра́вдами и ~ами** росту дуруғ гуфта; ҳаққу ноҳақ

неправдоподо́бие *с* аз ҳақиқат дур будан(и), ба ҳақиқат рост наомадан(и)

неправдоподо́бно *нареч.* аз ҳақиқат дур, дуруғ

неправдоподо́бный, -ая, -ое (неправдоподоб|ен, -на, -но) аз ҳақиқат дур, дуруғ

непра́ведность *ж уст.* 1. беадолатӣ, ноинсофӣ 2. гунаҳгорӣ, пургуноҳӣ, серайбӣ

непра́ведный, -ая, -ое (неправед|ен, -на, -но) *уст.* 1. *(несправедливый)* беадолат(она), ноинсоф(она); ~ **суд** суди беадолатона 2. *(грешный)* гунаҳгор, пургуноҳ, айбдор, осӣ

непра́вильно *нареч.* 1. нодуруст, ғалат, хато; **он ~ выгова́ривает слова́** у калимаҳоро нодуруст талаффуз мекунад 2. нодуруст, ноинсофона, беадолатона; **поступа́ть** ~ нодуруст рафтор кардан

непра́вильность *ж* нодурустӣ, нодуруст будан(и); хато, ғалат, саҳв; ~ **выраже́ния** нодурустии ифода; **допусти́ть** ~ **в перево́де** дар тарҷума хато кардан

непра́вильн||ый, -ая, -ое (неправи|лен, -льна, -льно) 1. нодуруст; **~ое разви́тие органи́зма** инкишофи нодурусти организм; **~ые глаго́лы** *грам.* феълҳои нодуруст, феълҳои номунтазам; **~ая дробь** *мат.* касри нодуруст 2. нодуруст, хато, ғалат; **~ое реше́ние зада́чи** ҳалли нодурусти масъала; **~ая то́чка зре́ния** нуқтаи назари ғалат 3. *(несправедливый)* беинсоф(она), беадолат(она)

неправоме́рность *ж* ғайриконунӣ будан(и), аз қонун берун будан(и); ~ **притяза́ний** ғайриқонунӣ будани иддао

неправоме́рный, -ая, -ое (неправоме́р|ен, -на, -но) ғайриқонуний, аз

қонун берун; ~ **поступок** кирдори ғайриқонунӣ

неправомочность *ж* беҳуқуқӣ, беваколатӣ, ҳуқуқ (ваколат) надоштан(и); ~ **суда** беваколатии суд

неправомочный, -ая, -ое (неправомоч|ен, -на, -но) беҳуқуқ, ҳуқуқнадошта, беваколат, ваколатнадошта; ~ **суд** суди беваколат

неправоспособность *ж юр.* ҳуқуқ надоштан(и); ~ **наследника** ҳуқуқ надоштани ворис

неправоспособный, -ая, -ое (неправоспособ|ен, -на, -но) *юр.* ҳуқуқнадошта

неправосудие *с уст. юр.* беадолатии суд, беадолатӣ

неправосудн||ый, -ая, -ое (неправосуд|ен, -на, -но) *уст. юр.* ба қонун мухолиф, хилофи қонун, беадолат; ~**ое решение** қарори хилофи қонун

неправот||а *ж* иштибоҳ, ноҳақ будан(и); **раскаяться в своей** ~**е** аз ноҳақ будани худ пушаймон шудан

неправ||ый, -ая, -ое (неправ, -а, -о) 1. *чаще кр. ф.* ноҳақ; **вы** ~**ы** шумо ноҳақ ҳастед 2. *уст. и высок.* беадолат(она), беинсоф(она); ~**ый суд** суди беадолат

непрактичност||ь *ж* 1. ноуҳдабароӣ, бетаҷрибагӣ, хомӣ; **по своей** ~**и он совершил немало ошибок** вай аз бетаҷрибагии худ бисьёр хато кард 2. нобоб (камдошт) будан(и); ~**ь ткани** камдошт будани матоъ

непрактичн||ый, -ая, -ое (непрактичн|ен, -на, но) 1. ноуҳдабаро, бетаҷриба, хом; ~**ый человек** одами бетаҷриба 2. нобоб, носоз, камдошт; ~**ая ткань** матои камдошт

непревзойдённость *ж* комилӣ, беназирӣ, хубӣ

непревзойдённ||ый, -ая, -ое 1. беҳтарин, олитарин, комилтарин, беназир; ~**ый образец искусства** намунаи беҳтарини санъат; ~**ый художник** рассоми беназир 2. гузаро, диданашуда, ба ифрот расида; ~**ая наглость** беҳаёии диданашуда

непредвиденность *ж* ногаҳонӣ (тасодуфӣ) будан(и)

непредвиденный, -ая, -ое ногаҳонӣ, тасодуфӣ, ғайричашмдошт; ~ **случай** ҳодисаи ногаҳонӣ

непреднамеренность *ж* беғаразона (ба ғайри қасд) будан(и)

непреднамеренный, -ая, -ое (непреднамерен, -на, -но) беғараз(она), ба ғайри қасд, тасодуфӣ; беихтиёр(она)

непредотвратимость *ж* ногузирӣ, ҳатмӣ (ногузир) будан(и)

непредотвратим||ый, -ая, -ое (непредотвратим, -а, -о) ногузир, ҳатмӣ; ~**ое событие** ҳодисаи ногузир

непредубеждённ||ый, -ая, -ое беғараз(она), холис(она); ~**ый читатель** хонандаи беғараз; ~**ое отношение** муносибати холисона

непредумышленный, -ая, -ое *см.* **непреднамеренный**

непредусмотрительно *нареч.* бемулоҳиза, беэҳтиёт

непредусмотрительность *ж* бемулоҳизагӣ, беэҳтиётӣ, бетадбирӣ

непредусмотрительный, -ая, -ое (непредусмотрите|лен, -льна, -льно) бемулоҳиза, беэҳтиёт, бетадбир, бепарво(ёна)

непрезентабельность *ж* безебӣ, бенамудӣ, бенурӣ, назарногирӣ

непрезентабельн||ый, -ая, -ое (непрезентабе|лен, -льна, -льно) безеб, бенамуд, бенур, назарногир; ~**ый вид** намуди назарногир; ~**ая внешность** қиёфаи безеб

непреклонно *нареч.* бо матонат, бо субот, устуворона

непреклонность *ж* матонат, устуворӣ, собитқадамӣ, устувор будан(и); ~ **воли** матонати ирода

непреклонн||ый, -ая, -ое (непреклон|ен, -на, -но) матин, устувор, собитқадам, босубот, қатъӣ; ~**ая воля** иродаи матин; ~**ое решение** қарори қатъӣ

непреклонно *нареч.* беқилуқол. бечунучаро, бегуфтугу

непрекословность *ж* беқилуқолӣ, бечунучаро будан(и)

непрекословн||ый, -ая, -ое (непрекослов|ен, -на, -но) беқилуқол, бечунучаро; ~**ое повиновение** итоати бечунучаро

непреложность *ж* тағьирнопазирӣ, тағьирнопазир будан(и); бебаҳс будан(и), эътирознопазирӣ; ~ **законов природы** тағьирнопазирии қонунҳои табиат

непреложн||ый, -ая, -ое (непреложн|ен, -на, -но) тағьирнопазир; бебаҳс, эътирознопазир; ~**ая истина** ҳақиқати бебаҳс

непременно *нареч.* ҳатман, албатта, мутлақ; ~ **приходите!** албатта биёед!

непременн||ый, -ая, -ое (непремен|ен, -на, -но) 1. ҳатмӣ, зарурӣ, лозимӣ; ~**ое условие** шарти ҳатмӣ 2. *тк. полн. ф. уст.* доимӣ; ~**ый секретарь** котиби доимӣ

непреоборимо *нареч. книжн.* мағлубиятнопазир, рафънопазир, пурзур

непреоборимость *ж книжн.* мағлубиятнопазирӣ, рафънопазир будан(и), пурзурӣ

непреоборим||ый, -ая, -ое (непреоборим, -а, -о) *книжн.* мағлубиятнопазир, рафънопазир, зур; ~**ое стремление** саъю кӯшиши зур

непреодолимо *нареч.* муқовиматнопазирона, зур

непреодолимость *ж* муқовиматнопазирӣ, рафънопазир будан(и), зур будан(и)

непреодолим||ый, -ая, -ое (непреодолим, -а, -о) муқовиматнопазир, рафънопазир, дафънашаванда, зур, пурзур; ~**ое препятствие** монеаи рафънопазир; ~**ое желание** майлу хоҳиши пурзур

непререкаемость *ж* эътирознопазирӣ, раднопазирӣ, бебаҳс (бешубҳа) будан(и)

непререкаемый, -ая, -ое (непререкаем, -а, -о) эътирознопазир, раднопазир, бебаҳс, бешубҳа

непрерывно *нареч.* якзайл, пай дар пай, пайваста, бефосила; беист, муттасил(ан); **телеграф работает** ~ **круглые сутки** телеграф шабу рӯз беист кор мекунад

непрерывность *ж* якзайлӣ, пайдарпаӣ, пайвастагӣ, бефосилагӣ; муттасилӣ; ~ **движения** муттасилии ҳаракат; ~ **трудового стажа** бефосилагии стажи кор

непрерывн||ый, -ая, -ое (непрерыв|ен, -на, -но) 1. *(сплошной)* пай дар пай, пайваста, бефосила, саросар; ~**ый ряд** қатори пай дар пай; ~**ый поток людей** сели бефосилаи одамон 2. беист, муттасил, қатънашаванда; ~**ые дожди** борони беист; ~**ый стаж работы** стажи муттасили кор ◇ ~**ая дробь** *мат.* касри бефосила

непрестанно *нареч.* беист, пайваста, доимо, бефосила, муттасил(ан); ~ **трудиться** беист кор кардан

непрестанн||ый, -ая, -ое (непрестан|ен, -на, -но) беист, пайваста, доимӣ, бефосила, муттасил; ~**ые заботы** ташвишҳои доимӣ

неприветливо *нареч.* беилтифот(она), руи хуш надода; **смотреть** ~ беилтифот нигоҳ кардан;~ **встретить кого-л.** ба касе руи хуш надодан

неприветливость *ж* 1. беилтифотӣ, беилтифот будан(и) 2. *перен.* тира (хира) будан(и); бадманзара будан(и)

неприветлив||ый, -ая, -ое (неприветлив, -а, -о) 1. беилтифот(она), номеҳрубон(она), дурушт; ~**ый человек** одами номеҳрубон 2. *перен.* тира, хира; бадманзара; ~**ая местность** маҳалли бадманзара

непривлекательность *ж* дилнокашӣ, хунукруӣ, безебӣ

непривлекательн||ый, -ая, -ое (непривлекате|лен, -льна, -льно) дилнокаш, хунукруй, безеб, бенур; бадманзар; ~**ая внешность** қиёфаи бенур

непривычк||а *ж разг.* надоштани одат, одат надоштан(и); **с** ~**и, по** ~**е** аз сабаби одат надоштан(и)

непривычно 1. *нареч.* беодат, ғайри одат 2. *в знач. сказ. безл.* одат накарда аст; **ему** ~ **на новом месте** у ба ҷои нав одат накардааст

непривычность *ж* ғайриодатӣ

непривычн||ый, -ая, -ое (непривыч|ен, -на, -но) 1. ғайриодатӣ, одатнашуда, нав, бегона; ~**ая обстановка** шароити ғайриодатӣ 2. бемалака, бетаҷриба

неприглядность *ж* нозебӣ, безебӣ, баднамоӣ, бенурӣ, бадафтӣ

неприглядн||ый, -ая, -ое (непригляд|ен, -на, -но) нозебо, безеб, баднамо, бадафт, бенур; бадманзар; назарногир; ~**ая внешность** қиёфаи безеб; ~**ый домишко** хоначаи назарногир

непригодность *ж* ношоямӣ, нобобӣ, бекора будан(и); **выбросить вещь за** ~**ю** чизро барои бекора буданаш партофтан

непригодный, -ая, -ое (непригод|ен,

-на, -но) ношоям, нобоб, нобакор, бекора

неприго́же *в знач. сказ. безл. уст. и прост.* нораво, нағз не, нодуруст

неприго́жий, -ая, -ее *уст. и прост.* (непригож, -а, -е) 1. *чаще кр. ф.* безеб, бенур, баднамо 2. нораво, ношоиста, номуносиб

неприе́млемость *ж* номақбулӣ

неприе́млем||ый, -ая, -ое (неприе́млем, -а, -о) номақбул, ғайримақбул; **~ые усло́вия** шартҳои номақбул

непри́знанный, -ая, -ое эътирофнашуда, шинохтанашуда; **~ поэ́т** шоири эътирофнашуда

неприка́янност||ь *ж разг.* беқарорӣ, ноороми, безобитагӣ; **чу́вство ~и** ҳисси беқарорӣ

неприка́янный, -ая, -ое *разг.* беқарор, ноором, безобита; **что ты хо́дишь, как ~?** чаро ту ин қадар беқарор ҳастӣ?

неприкоснове́нность *ж* дахлнопазирӣ, масуният; **~ ли́чности** масунияти шахсият; **дипломати́ческая ~** масунияти дипломатӣ

неприкоснове́нн||ый, -ая, -ое (неприкосновен|ен, -на, -но) 1. дахлнопазир; **~ый запа́с** захираи дахлнопазир 2. дахлнопазир; **~ое лицо́** шахси дахлнопазир; **социалисти́ческая со́бственность свяще́нна и ~а** моликияти социалисти муқаддас ва дахлнопазир аст

неприкра́шенн||ый, -ая,-ое бепардоз, беобуранг, аслӣ, ҳақиқӣ; **~ая действи́тельность** воқеияти беобуранг

неприкры́т||ый, -ая, -ое 1. нимкушод, нимпуш; **~ая дверь** дари нимпуш 2. *перен.* беҳимоя, бепаноҳ; **~ый рубе́ж** сарҳадди беҳимоя 3. *перен.* ошкор, аён, кушоду равшан; **~ая ложь** дурӯғи маҳз

неприли́чие *с* 1. ношоистагӣ, норавоӣ, беадабӣ, беодобона будан(и); **~ посту́пка** норавоии кирдор 2. рафтори беадабона, беодобӣ

неприли́чно *нареч.* ношоиста, беодобона; **~ вести́ себя** беодобона рафтор кардан

неприли́чность *ж см.* **неприли́чие**

неприли́чн||ый, -ая, -ое (неприли́ч|ен, -на, -но) ношоиста, беадаб(она), беодоб(она), аз одоб берун; **~ое поведе́ние** рафтори беадабона; **~ые слова́** алфози қабеҳ

непримени́мость *ж* татбиқнопазирӣ, нобобӣ

непримени́мый, -ая, -ое (непримени́м, -а, -о) татбиқнопазир, нобоб, корношоям

неприме́тность *ж* ноаёнӣ; назарногир будан(и)

неприме́тн||ый, -ая, -ое (неприме́т|ен, -на, -но) 1. ноаён, нонамоён, нопадидор, номаълум; **~ая тропи́нка** пайраҳаи ноаён; **~ая ра́зница** фарқи назарногир 2. *перен.* назарногир, бисьёр оддӣ; **~ая вне́шность** қиёфаи бисьёр оддӣ

непримеча́тельный, -ая, -ое *см.* **неприме́тный** 2

непримири́мо *нареч.* оштинопазирона; **~ относи́ться к кому́-л.** ба касе оштинопазирона муносибат кардан

непримири́мость *ж* оштинопазирӣ; **~ кла́ссовых противоре́чий** оштинопазирии зиддиятҳои синфи

непримири́м||ый, -ая, -ое (непримири́м, -а, -о) 1. оштинопазир; **~ый враг** душмани оштинопазир 2. шадид, зур; **~ая борьба́** мубориза шадид

непринуждённо *нареч.* осуда, озодона, бетакаллуфона, табиӣ; **держа́ть себя ~** озодона рафтор кардан

непринуждённость *ж* осудагӣ, озодӣ, бетакаллуфӣ

непринуждённ||ый, -ая, -ое (непринуждён, -на, -но) осуда, озод, бетакаллуф(она), табиӣ; **~ая по́за** ҳолати табиӣ

непринятие *с* рад кардан(и), қабул накардан(и), кор нафармудан(и); **~ до́лжных мер** қабул накардани тадбирҳои зарурӣ; **~ боя** аз ҷанг ру гардондан(и)

неприсоедине́ние *с* бетарафӣ, ба блокҳо ҳамроҳнашавӣ

неприсоедини́вш||ийся, -аяся, -ееся бетараф, ҳамроҳнашуда; **~иеся госуда́рства** давлатҳои ба блокҳо ҳамроҳнашуда

неприспосо́бленность *ж* бесомонӣ; **~ к жи́зни** бесомонӣ дар зиндагӣ

неприспосо́бленный, -ая, -ое (неприспосо́блен, -на, -но) бесомон; **~ челове́к** одами бесомон

непристо́йно *нареч.* бешармона, беадабона, ношоиста; **~ вести́ себя** беадабона рафтор кардан

непристо́йност||ь *ж* 1. бешармӣ, беодобӣ, ношоистагӣ; **~ь поведе́ния** беодобии рафтор 2. гапу кирдори беадабона, қабоҳат; **говори́ть ~и** гапҳои қабеҳ гуфтан

непристо́йн||ый, -ая, -ое (непристо|ен, -йна,-йно) бешарм(она), беодоб(она), ношоиста, қабеҳ; **~ое поведе́ние** рафтори бешармона; **~ые выраже́ния** алфози қабеҳ

непристу́пно *нареч.* ҳавобаландона, мағрурона; **~ держа́ться** ҳавобаландӣ кардан

непристу́пность *ж* 1. дастнорасӣ; фатҳнопазирӣ; **~ кре́пости** фатҳнопазирии қалъа 2. *перен.* ҳавобаландӣ, мутакаббирӣ, мағрурӣ

непристу́пн||ый, -ая, -ое (непристу́п|ен, -на, -но) 1. дастнорас; фатҳнопазир, шикастнопазир; **~ая скала́** харсанги дастнорас; **~ая кре́пость** қалъаи фатҳнопазир 2. *перен.* ҳавобаланд(она), мағрур(она); **~ый вид** қиёфаи мағрурона

непрису́тственн||ый, -ая, -ое *уст.* ...и таътил, аз кор холӣ (озод); **~ый день** рузи таътил; **~ое вре́мя** вақти аз кор холӣ

непритво́рно *нареч.* самимона, табиӣ; ростинчак; **~ раска́яться** самимона тавба кардан

непритво́рность *ж* самимӣ (ҳақиқӣ) будан(и)

непритво́рн||ый, -ая, -ое (непритво́р|ен, -на, -но) самимона, ҳақиқӣ, табиӣ; **~ая ра́дость** хурсандии самимӣ

непритяза́тельность *ж* камталаб будан(и), бетакаллуфӣ, фурутанӣ, бенозунузӣ

непритяза́тельный, -ая, -ое (непритяза́те|лен, -льна, -льно) камталаб, бетакаллуф(она), фурутан, бенозунуз; **~ зри́тель** тамошобини камталаб

неприхотли́вость *ж* 1. шикастанафсӣ, камталабӣ, бенозунузӣ, қаноатмандӣ; (*расте́ний, живо́тных*) беорӣ, беор будан(и) 2. (*простота*) оддӣ (содда) будан(и)

неприхотли́в||ый, -ая, -ое (неприхотли́в, -а, -о) 1. шикастанафс(она), камталаб, бенозунуз, қаноаткор, беҳавою ҳавас; (*о расте́ниях, живо́тных*) беор; **~ый челове́к** одами шикастанафс; **верблю́д — ~ое живо́тное** уштур — ҳайвони пуртоқат 2. оддӣ, содда; **~ый узо́р** нақши содда; **~ый обе́д** таоми оддӣ

неприча́стность *ж* дахл надоштан(и), шарик набудан(и), тааллуқ надоштан(и); **~ к преступле́нию** ба ҷиноят шарик набудан(и)

неприча́стный, -ая, -ое (неприча́ст|ен, -на, -но) дахлнадошта, тааллуқнадошта, шарикнабуда

неприю́тный, -ая, -ое (неприют|ен, -на, -но) *разг.* ғайрироҳатбахш, дилгиркунанда, зиққкунанда

неприя́зненно *нареч.* хусуматомез, бокина, боадоват, адоваткорона, душманона; **~ относи́ться к кому́-л.** нисбат ба касе адоваткорона рафтор кардан

неприя́зненность *ж* душманӣ, хусуматомезӣ душманона будан(и); **~ то́на** хусуматомезии оҳанги гап

неприя́зненн||ый, -ая, -ое (неприязнен, -на, -но) душманона, хусуматомез; **~ое отноше́ние** муносибати душманона

неприя́знь *ж* душманӣ, кина, буғз, адоват; **испы́тывать ~ к кому́-л.** ба касе адоват доштан

неприя́тел||ь *м* 1. *уст.* душман, хасм, аду 2. *собир.* душман; **атакова́ть ~я** ба душман ҳамла овардан; **разби́ть ~я** душманро торумор кардан

неприя́тельск||ий, -ая, -ое душманона, ...и душман; **~ая а́рмия** армияи душман

неприя́тие *с книжн.* қабул (эътироф) накардан(и)

неприя́тно 1. *нареч.* нофорам, нохуш, ногувор; **~ па́хнет** буи нофорам меояд 2. *в знач. сказ. безл. кому* нофорам аст, намефорад

неприя́тность *ж* нохушӣ, ногуворӣ; **причини́ть кому́-л. ~** касеро хафа кардан; **кака́я ~!** кори нағз нашудааст

неприя́тн||ый, -ая, -ое (неприя́т|ен, -на, -но) нофорам, нохуш, ногувор, дилнокаш; **~ый челове́к** одами дилнокаш; **~ый го́лос** овози нофорам; **~ое чу́вство** ҳисси ногувор

непробу́дно *нареч.* сахт, гарон; **спа́ть ~** сахт хобидан

непробудн||ый, -ая, -ое (непробу-д|ен, -на, -но) 1. сахт, гарон; **~ый сон** 1) хоби гарон (сахт); 2) *перен.* марг 2. *тк. полн. ф. разг. (о пьянице, пьянстве)* доимӣ, пайваста, гузаро; **~ый пьяница** майзадаи гузаро; **~ое пья́нство** мастии доимӣ

непроводни́к *м физ.* гайринокил

непрогля́дн||ый, -ая, -ое (непрогля-д|ен, -на, -но) тип-торик, зулмот; ғафс; **~ая тьма** торикии зулмот; **~ый тума́н** тумани ғафс

непродолжи́тельность *ж* кутоҳмуддатӣ, каммудатӣ, кутоҳ будан(и); **~ поездки** кутоҳмуддат будани сафар

непродолжи́тельн||ый, -ая, -ое (непродолжи́те|лен, -льна, -льно) кутоҳ, кутоҳмуддат; **~ый о́тпуск** отпуски кутоҳмуддат; **в тече́ние ~ого вре́мени** дар муддати кутоҳ

непродукти́вно *нареч.* камҳосил, каммаҳсул, камсамар, бефоида, бебаракат

непродукти́вность *ж* камҳосилӣ, каммаҳсулӣ, бебаракатӣ

непродукти́вн||ый, -ая, -ое (непродукти́в|ен, -на, -но) 1. камҳосил, каммаҳсул, камнатиҷа, бебаракат; **~ые заня́тия** машғулияти бебаракат; **~ый труд** меҳнати бебаракат 2. *лингв.* каммаҳсул; **~ые су́ффиксы** суффиксҳои каммаҳсул

непрое́зж||ий, -ая, -ее саворанагузар; **~ая часть доро́ги** қисми саворанагузари роҳ

непроизводи́тельно *нареч.* каммаҳсул, беҳосил, бесамара, бефоида; **~ тра́тить вре́мя** бесамара вақт сарф кардан

непроизводи́тельность *ж* каммаҳсулӣ, бефоидагӣ, бесамарагӣ

непроизводи́тельн||ый, -ая, -ое (непроизводи́те|лен, -льна, -льно) 1. каммаҳсул, беҳосил, бесамара, бефоида; **~ая тра́та вре́мени** сарфи бефоидаи вақт 2. *тк. полн. ф.* истеҳсолнакунанда, маҳсулнадиҳанда

непроизво́льно *нареч.* беихтиёр(она), бешуур(она), худ ба худ, нохост; **~ засмея́ться** беихтиёр хандидан

непроизво́льность *ж* беихтиёрӣ, бешуурӣ; **~ движе́ний** беихтиёрии ҳаракат

непроизво́льн||ый, -ая, -ое (непроизво́|лен, -льна, -льно) беихтиёр(она), бешуур(она), худ ба худ; **~ые движе́ния** ҳаракати беихтиёрона; **~ый смех** хандаи беихтиёрона

непрола́зн||ый, -ая, -ое (непрола-з|ен, -на, -но) касногузар; **~ая грязь** лои касногузар; **~ые де́бри** бешазори ғулии касногузар

непролета́рский, -ая, -ое ғайрипролетарӣ

непролива́йка *ж разг. уст.* давот

непромока́ем||ый, -ая, -ое (непромокаем, -а, -о) обногузар; **~ая ткань** матои обногузар

непроница́емость *ж* 1. ногузар будан(и) 2. *перен.* пушида будан(и)

непроница́ем||ый, -ая, -ое 1. *(для воды, света, звуков)* ногузар, маҳкам; *(для глаза)* топ-торик; **~ый мрак** торикии зулмот 2. *перен.* пушида; **~ая та́йна** сирри пушида

непроница́тельный, -ая, -ое (непроница́те|лен, -льна, -льно) бефаросат, кундзеҳн

непропорциона́льно *нареч.* номутаносиб, бетаносуб, нобаробар

непропорциона́льность *ж* номутаносибӣ, бетаносубӣ; **~ разме́ров** номутаносибии ҳаҷму андоза

непропорциона́льн||ый, -ая, -ое (непропорциона|лен, -льна, -льно) номутаносиб, бетаносуб, ғайримутаносиб; **~ое телосложе́ние** андоми номутаносиб; **~ое разви́тие** инкишофи ғайримутаносиб

непросвещённость *ж* бемаърифатӣ, ҷоҳилӣ, нодонӣ

непросвещённый, -ая, -ое (непросвещён, -на, -но) бемаърифат, ҷоҳил, нодон

непрости́тельно *нареч.* афвнопазирона

непрости́тельность *ж* афвнопазирӣ

непрости́тельн||ый, -ая, -ое (непрости́те|лен, -льна, -льно) афвнопазир, набахшиданӣ, бахшиданашаванда; **~ая беспе́чность** фориғболии афвнопазир; **~ая хала́тность** хунукназарии афвнопазир

непротивле́ние *с:* **~ злу [наси́лием]** ба бадӣ [бо зурӣ] муқобилат накардан(и)

непротивле́нческий, -ая, -ое ...и муқобилат накардан(и), ...и муқобилатнакунанда

непротивле́нчество *с* муқобилат накардан(и)

непроходи́мость *ж* 1. касногузар будан(и); **~ боло́та** касногузар будани ботлоқ 2. *мед.* қабзият; **~ кише́чника** қабзияти меъда

непроходи́м||ый, -ая, -ое (непроходи́м, -а, -о) 1. касногузар; **~ый лес** бешаи касногузар 2. *перен. разг.* гузаро, ашаддӣ, аз ҳад гузашта; **~ая глу́пость** аҳмақи аз ҳад гузашта; **~ый дура́к** аҳмақи гузаро

непро́чно *нареч.* бебақо, нопойдор, амонат; **пу́говицы приши́ты ~** тугмаҳо амонат шинонда шудаанд

непро́чность *ж* номустаҳкамӣ, ноустуворӣ, бедоштӣ; **~ материа́ла** бедоштии матоъ; **~ зна́ний** номустаҳкамии дониш

непро́чн||ый, -ая, -ое (непроч|ен, -на, -но) номустаҳкам, амонат, бедошт; **~ая ткань** матои бедошт; **~ая постро́йка** иморати бебақо; **~ые отноше́ния** муносибатҳои номустаҳкам; **~ое положе́ние** вазъияти ноустувор

непро́шен||ый, -ая, -ое 1. нохонда, даъватнашуда; нолозим, номатлуб; **~ый гость** меҳмони нохонда; **~ое одолже́ние** илтифоти номатлуб 2. беихтиёр(она); **~ые слёзы** ашки беихтиёрона

Непту́н *м* Нептун (1. *миф. худои баҳру об дар асотири Рим* 2. *астр. номи сайёра)*

непту́ний *м хим.* нептуний *(элементи химиявӣ, металл)*

непутёвый, -ая, -ое *разг.* 1. *(беспутный)* бадгашт, айёш 2. *(бестолковый)* ношуд, ноуҳдабаро

непутём *нареч. прост.* бад, ганда; **рабо́тать ~** бад кор кардан

непу́тный, -ая, -ое *см.* **непутёвый**

непутя́щий, -ая, -ее *прост. см.* **непутёвый**

непью́щий, -ая, -ее майбезор, нанушанда; **он ~** вай арақхур не // *в знач. сущ.* **непью́щий** *м,* **непью́щая** *ж* каси (одами) нанушанда

неработоспосо́бность *ж* қобилияти кор надоштан(и), корношоямӣ; **вре́менная ~** муваққатан қобилияти кор надоштан(и)

неработоспосо́бн||ый, -ая, -ое (неработоспособ|ен, -на, -но) қобилияти кор надошта, аз кор баромада; **стать ~ым** аз кор баромадан

нерабо́ч||ий, -ая, -ее 1. нозук, ба кор одат накардагӣ; **у него́ ~ие ру́ки** дастони у ба кор одат накардагӣ 2. *(о животных)* корӣ набуда, ғайрикорӣ; **~ий скот** ҳайвоноти ғайрикорӣ; **~ая ло́шадь** аспи ғайрикорӣ 3. *(о времени)* аз кор холӣ, фароғат, ғайрикорӣ; **~ее вре́мя** вақти аз кор холӣ; **~ий день** рӯзи фароғат 4. бекор; **~ее настрое́ние** беҳавсалагӣ, бекорӣ

нера́венство *с* нобаробарӣ; **социа́льное ~** нобаробарии иҷтимоӣ; **~ величи́н** нобаробарии бузургиҳо

нера́вно *частица прост.* мабодо, раваду...

неравно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «нобаробар»:* **неравнопра́вный** нобаробарҳуқуқ

неравноду́шн||ый, -ая, -ое (неравноду́ш|ен, -на, -но) *чаще кр. ф.* майлдор, рағбатдор, дӯстдор, ҳаводор, дилбаста; **она́ ~а к сла́дкому** у шириниро дӯст медорад; **он неравноду́шен к э́той де́вушке** у ин духтарро нағз мебинад

неравноме́рно *нареч.* нобаробар, номунтазам

неравноме́рность *ж* нобаробарӣ, номунтазамӣ; **~ разви́тия** нобаробарии инкишоф

неравноме́рн||ый, -ая, -ое (неравноме́р|ен, -на, -но) нобаробар, номунтазам, нобаробарандоза; **~ое распределе́ние сил** нобаробар тақсим кардани қувваҳо; **~ое разви́тие** инкишофи нобаробар

неравнопра́вие *с* нобаробарҳуқуқӣ

неравнопра́вность *ж см.* **неравнопра́вие**

неравнопра́вный, -ая, -ое (неравнопра́в|ен, -на, -но) нобаробарҳуқуқ; **~ догово́р** муоҳидаи нобаробарҳуқуқ

нера́вн||ый, -ая, -ое (нера́в|ен, -на́, -но) нобаробар; **~ые величины́** бузургиҳон нобаробар; **~ые си́лы** қувваҳои нобаробар; **~ая борьба́** мубоизаи нобаробар

нераде́ние *с уст.* бепарвоӣ, танбалӣ, мусоҳилакорӣ

наради́вость *ж* бепарвоӣ, танбалӣ, фориғболӣ, мусоҳилакорӣ, сахлангорӣ; **~ учени́ка** танбалии талаба; **наказа́ть за ~** барои мусоҳилакорӣ ҷазо додан

нерадив||ый, -ая, -ое (нерадив, -а, -о) бепарво(ёна), танбал, форигбол, мусоҳилакор, саҳлангор; **~ый ученик** талабаи танбал; **~ое отношение к чему-л.** муносибати бепарвоёна ба чизе

неразбериха *ж разг.* бетартибӣ, ҳарҷу марҷ, бесарусомонӣ, дарҳам-барҳамӣ

неразборчиво *нареч.* нохоно, норавшан, нофаҳмо; **~ писать** нохоно навиштан

неразборчивость *ж* 1. нохоноӣ, норавшанӣ, нофаҳмоӣ; **~ почерка** нохоноии хат 2. камталаб будан(и), неку бадро фарқ накардан(и), ҳазар накардан(и); **~ в еде** аз ҳеҷ хурок ҳазар накардан(и) 3. фарқ накардан(и); **~ в средствах** чораю воситаҳоро фарқ накардан(и)

неразборчив||ый, -ая, -ое (неразборчив, -а, -о) 1. нохоно, норавшан, нофаҳмо; **~ая подпись** имзои норавшан 2. камталаб, фарқнакунанда; содда, бенозу нуз; **~ый читатель** хонандаи камталаб; **~ый вкус** салиқаи содда 3. *чаще кр. ф.* фарқнакунанда; **он неразборчив в средствах** у ҳар чораро кор фармудан мегирад

неразведанн||ый, -ая, -ое тафтишнашуда, тадқиқнашуда, кашфнашуда; **~ые недра** ҷойҳои тафтишнашудаи қаъри замин

неразвёрнут||ый, -ая, -ое (неразвёрнут, -а, -о) 1. *воен.* ба амалиёт тайёрнашуда *(дар бораи қушун)* 2. *перен.* маҳдуд, ноқис; **~ая мысль** фикри маҳдуд

неразвитость *ж* инкишоф наёфтан(и), тараққӣ накардан(и)

неразвит||ый, -ая, -ое (неразвит, -а, -о) 1. *(физически)* инкишофнаёфта, ношуд, заифбуньёд, сустбуньёд; **физически ~ый ребёнок** кудаки ношуд// *(умственно)* кунд, кундзеҳн, ноқисулақл// *(о способностях и т. п.)* такмилнаёфта; **~ые способности к рисованию** ҳунари такмилнаёфтаи рассомӣ 2. бетафсил, нопурра; **~ая мысль** фикри нопурра

неразгаданность *ж* муаммо (сарбаста, номаълум, ниҳонӣ) будан(и); **~ тайны** ниҳонӣ будани сир

неразгаданн||ый, -ая, -ое муаммо, сарбаста, маълумнашуда, ниҳонӣ; **~ая тайна** сирри ниҳонӣ

неразговорчивость *ж* камгапӣ, камсуханӣ, дамдуздӣ

неразговорчивый, -ая, -ое (неразговорчив, -а, -о) камгап, дамдузд; **~ человек** одами камгап

неразделённ||ый, -ая, -ое 1. тақсимнашуда, ҷудонашуда; **~ое имущество** моли (мероси) тақсимнашуда 2. *перен.* яктарафа, беҷавоб; **~ая любовь** муҳаббати яктарафа

неразделимый, -ая, -ое (неразделим, -а, -о) тақсимнопазир; ягона, том

нераздельно *нареч.* пурра, тамоман, комилан

нераздельность *ж* 1. тақсимнопазирӣ; ягонагӣ; **~ имущества** тақсимнопазирии молу мулк 2. ваҳдат, вобастагӣ; **~ человека и окружающей среды** ваҳдати одам ва муҳит

нераздельн||ый, -ая, -ое (нераздел|ен, -льна, -льно) 1. тақсимнопазир; ягона, том; **~ое имущество** молу мулки тақсимнопазир 2. *(единый)* ягона, том, яклухт

неразличим||ый, -ая, -ое (неразличим, -а, -о) 1. ноаён, диданашаванда; **~ые в темноте очертания гор** тарҳи дар торикӣ ноаёни кӯҳҳо 2. норавшан, ноаён, ба зур дидашаванда; **~ые оттенки** тобишҳои норавшан

неразложимость *ж* ҷудонашавандагӣ, тақсимнопазирӣ

неразложим||ый, -ая, -ое (неразложим, -а, -о) ҷудонашаванда, тақсимнашаванда, тақсимнопазир; том; **~ое словосочетание** *лингв.* ибораи рехта

неразлучно *нареч.* ҷудо нашуда, бе муфориқат; **жить ~ с кем-л.** бо касе ҷудо нашуда зистан

неразлучность *ж* ҷудонашавандагӣ, қарин будан(и); **~ друзей** қаринии дустон

неразлучн||ый, -ая, -ое (неразлуч|ен, -на, -но) ҷудонашаванда, бемуфориқат, қарин; ҳамешагӣ; **~ые друзья** дустони қарин; **старик с ~ой трубкой в зубах** пирамард бо чубуқи ҳамешагӣ дар даҳон

неразменн||ый, -ая, -ое майданашаванда, шикастанашаванда, бутун; **~ая монета** пули майданашаванда

неразрешённость *ж* ҳалнашуда будан(и)

неразрешённый, -ая, -ое 1. ҳалнашуда; **~ вопрос** масъалаи ҳалнашуда 2. мамнуъ, қадаған

неразрешимость *ж* ҳалнопазирӣ, ҳалнопазир будан(и); **~ вопроса** ҳалнопазирии масъала

неразрешимый, -ая, -ое (неразрешим, -а, -о) ҳалнашаванда, ҳалнопазир; **~ вопрос** масъалаи ҳалнопазир

неразрушимый, -ая, -ое (неразрушим, -а, -о) мустаҳкам, пойдор, шикастнопазир

неразрывно *нареч.* мустаҳкам, зич; **его жизнь ~ связана с театром** ҳаёти у комилан бо театр марбут аст

неразрывность *ж* мустаҳкамӣ

неразрывн||ый, -ая, -ое (неразрыв|ен, -на, -но) мустаҳкам, зич; **~ая дружба** дустии мустаҳкам; **~ая связь теории и практики** алоқаи мустаҳками назария бо амалия

неразумие *с уст.* бехирадӣ, камақлӣ, беандешагӣ

неразумно 1. *нареч.* беақлона, камақлона, бехирадона, номаъқул 2. *в знач. сказ. безл.* беақлист, аз руи ақл не; **так поступать ~** ин тавр рафтор кардан беақлист

неразумность *ж* беақлӣ, камақлӣ, бехирадӣ, номаъқулӣ

неразумн||ый, -ая, -ое (неразум|ен, -на, -но) беақл(она), камақл(она), бехирад(она), беандеша, бемулоҳиза, номаъқул; **~ый человек** одами беақл; **~ое требование** талаби (тақозои) беақлона

неразъясним||ый, -ая, -ое шарҳнопазир, баённопазир, тавзеҳнопазир; **~ое явление** ҳодисаи шарҳнопазир

нераскаянный, -ая, -ое *уст.* ашаддӣ, гузаро; **~ грешник** гуноҳгори ашаддӣ

нераспаханн||ый, -ая, -ое шудгорнашуда, ронданашуда; **~ые поля** заминҳои шудгорнашуда

нерасположение *с* бемайлӣ, беилтифотӣ, берағбатӣ

нераспорядительность *ж* беташаббусӣ, бетадбирӣ; **проявить ~** беташаббусӣ кардан(и)

нераспорядительный, -ая, -ое (нераспорядите|лен, -льна, -льно) беташаббус, бетадбир

нераспространение *с* паҳн накардан(и); **~ ядерного оружия** паҳн накардани аслиҳаи ядрой

нерассудительно *нареч.* бемулоҳиза, беандеша, саҳлангорона

нерассудительность *ж* бемулоҳизагӣ, беандешагӣ, саҳлангорӣ, беандеша будан(и)

нерассудительный, -ая, -ое (нерассудите|лен, -льна, -льно) бемулоҳиза, беандеша, саҳлангор(она); **~ человек** одами бемулоҳиза; **~ поступок** рафтори саҳлангорона

нерастворимость *ж* ҳалнашавандагӣ, обнашавандагӣ, маҳлул нашудан(и)

нерастворим||ый, -ая, -ое (нерастворим, -а, -о) ҳалнашаванда, обнашаванда, маҳлулнашаванда; **~ые химические соединения** пайвастҳои химиявии ҳалнашаванда

нерасторжимость *ж* канданашаванда (вайроннашаванда) будан(и), вайроннашавандагӣ, лағвнопазирӣ; **~ дружбы** вайроннашавандагии дустӣ

нерасторжимый, -ая, -ое (нерасторжим, -а, -о) канданашаванда, вайроннашаванда, лағвнопазир; **~ союз** иттифоқи вайроннашаванда

нерасторопно *нареч.* лавандона, сусткорона, ноабҷирона

нерасторопность *ж* лавандӣ, сусткорӣ, ноабҷирӣ

нерасторопный, -ая, -ое (нерасторо|пен, -на, -но) лаванд, сусткор, ноабҷир; **~ человек** одами лаванд

нерастраченн||ый, -ая, -ое сарфнашуда, харҷнашуда; **~ые силы** қувваҳои сарфнашуда

нерасчётливо *нареч.* исрофкорона, ноэҳтиёткорона

нерасчётливость *ж* исрофкорӣ, ноэҳтиёткорӣ, беэҳтиётӣ

нерасчётливый, -ая, -ое (нерасчётлив, -а, -о) исрофкор, ноэҳтиёткор(она); **~ человек** одами исрофкор

нерасчленимость *ж* тақсимнашавандагӣ, ҷудонашавандагӣ, тақсимнопазир будан(и)

нерасчленимый, -ая, -ое (нерасчленим, -а, -о) тақсимнашаванда, ҷудонашаванда, тақсимнопазир

нерационально *нареч.* камсамар, исрофкорона; **~ тратить силы** қувваҳоро исроф кардан

нерациональность *ж* камсамар будан(и)

нерационáльн||ый, -ая, -ое (нерационá|лен, -льна, -льно) камсамар; ~**ое расхóдование средств** камсамар харҷ кардани маблағ

нерачи́тельно *нареч.* бепарвоёна, фориғболона, беташаббусона

нерачи́тельность *ж* бепарвоӣ, фориғболӣ, беташаббусӣ

нерачи́тельный, -ая, -ое (нерачи́те|лен, -льна, -льно) бепарво, фориғбол, беташаббус, беғайрат; ~ **рабóтник** корманди беташаббус

нерв *м* 1. асаб; **зри́тельный** ~ асаби босира; **дви́гательные** ~**ы** асабҳои ҳаракат 2. *мн.* **нéрвы** асабият, асабоният; **у негó** ~**ы расходи́лись** *разг.* у асабонӣ шуд ◇ **глáвный (основнóй)** ~ *чего книжн.* нуқтаи (мавқеи) асосӣ; **желéзные (стальны́е)** ~**ы** асабҳои мустаҳкам; **дéйствовать на** ~**ы** *кому* асабонӣ кардан; **игрáть на** ~**ах** *чьих* асабонӣ кардан; **пóртить** ~**ы** **комý-л.** ба асабҳои касе нохун задан, асаби касеро вайрон кардан

нерви́ровать *сов., несов. кого-что* асабӣ (асабонӣ) кардан

нерви́чески *нареч. уст. см.* **нéрвно**

нерви́ческий, -ая, -ое *уст. см.* **нéрвный** 2—4

нéрвничать *несов.* асабӣ (асабонӣ) шудан; ~ **пéред выступлéнием** пеш аз баромад каме асабонӣ шудан

нервно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «асаб»:* **нервнобольнóй** бемори асабӣ

нéрвно *нареч.* 1. бо асабият; ~ **смея́ться** бо асабият хандидан 2. асабиёна, беихтиёрона; **у негó** ~ **подёргивались гýбы** лабони у асабиёна меларзиданд

нервнобольнóй *м* бемори асаби

нéрвность *ж* 1. асабият, тундмизоҷӣ, оташинӣ; 2. тундутезӣ, беихтиёрона будан(и); ~ **движéний** тундутезии ҳаракатҳо

нéрвн||ый, -ая, -ое (нéрв|ен, -нá, -но) 1. *тк. полн. ф.* асабӣ, ...и асаб; ~**ые клéтки** ҳуҷайраҳои асаб; ~**ые волóкна** торҳои асаб; ~**ая систéма** системаи асаб 2. *тк. полн. ф.* ...и асабоният, ...и асаб, асабӣ; ~**ый припáдок** авҷи ҷунун; ~**ое расстрóйство** вайрон шудани асабҳо; ~**ое состоя́ние** асабоният 3. асабонӣ, тундмизоҷ, оташин(она); **он óчень** ~**ый человéк** у одами бисьёр асабонӣ аст 4. тунду тез, беихтиёр(она); ~**ое подёргивание вéка** беихтиёрона паридани чашм 5. *тк. полн. ф.* пуризтироб, ҳаяҷоннок, асабиятовар; ~**ая рабóта** кори пуризтироб

нервóзно *нареч.* бо асабият, бо асабоният

нервóзность *ж* асабият, асабоният, тундмизоҷ будан(и)

нервóзн||ый, -ая, -ое (нервóз|ен, -на, -но) 1. асабӣ, асабонӣ, тундмизоҷ, оташин(она); ~**ый человéк** одами асабӣ 2. *тк. полн. ф.* ...и асабоният, ...и асаб, асабӣ; ~**ое состоя́ние** холати асабоният 3. *тк. полн. ф.* пуризтироб, пурҳаяҷон, асабиятовар; ~**ая обстанóвка** вазъияти пурҳаяҷон

нереáльность *ж* 1. хаёлӣ (мавҳум, ғайриҳақиқӣ) будан(и) 2. ғайриреалӣ (ғайриҳаётӣ) будан(и)

нереáльн||ый, -ая, -ое (нереá|лен, -льна, -льно) 1. *(фантастический)* хаёлӣ, мавҳум, ғайриҳақиқӣ 2. ғайриреалӣ, ғайриҳаётӣ, татбиқнашаванда, ғайриамалӣ; ~**ое предложéние** таклифи ғайриамалӣ

нерегуля́рность *ж* ғайримунтазам (номунтазам) будан(и)

нерегуля́рн||ый, -ая, -ое (нерегуля́р|ен, -на, -но) ғайримунтазам, ғайримураттаб, номунтазам; ~**ое движéние поездóв** ҳаракати номунтазами поездҳо

нерéдк||ий, -ая, -ое (нерéд|ок, -кá, -ко) маъмул; ~**ое явлéние** ҳодисаи маъмул

нерéдко *нареч.* бисьёр, вақт, басо, басе

Нерéида *ж миф.* Нереида *(парии обӣ, духтари пири баҳр Нерей)*

нерентáбельно *нареч.* камсамар, камдаромад, беманфиат

нерентáбельность *ж* камсамар будан(и), камдаромадӣ; ~ **предприя́тия** камдаромадии корхона

нерентáбельн||ый, -ая, -ое (нерентáбе|лен, -льна, -льно) камсамар, камдаромад, бесуд; ~**ое предприя́тие** корхонаи камдаромад

нéрест *м* тухммонии моҳӣ

нерести́лище *с* ҷои тухммонии моҳӣ

нерести́ться *несов.* тухм мондан *(оид ба моҳӣ)*

нéрестовый, -ая, -ое ...и тухммонии моҳӣ

нереши́мость *ж* беҷуръатӣ, дудилагӣ

нереши́тельност||ь *ж* беҷуръатӣ, дудилагӣ; **быть (находи́ться) в** ~**и** беҷуръат будан, ҷуръат накардан

нереши́тельный, -ая, -ое (нереши́те|лен, -льна, -льно) беҷуръат(она), дудила; ~ **человéк** одами беҷуръат

нержавéющ||ий, -ая, -ее зангногир; ~**ая стáль** пулоди зангногир

неритми́чно *нареч.* номунтазамона, номураттаб; ~ **дви́гаться** номунтазамона ҳаракат кардан

неритмичность *ж* номунтазамӣ, номураттабӣ; ~ **движéний** номунтазамии ҳаракатҳо

неритми́чн||ый, -ая, -ое (неритми́ч|ен, -на, -но) номунтазам, номураттаб; ~**ые движéния** ҳаракатҳои номунтазам; ~**ая рабóта предприя́тия** кори номунтазами корхона

нерóбкий, -ая, -ое (нерóб|ок, -кá, -ко) нотарс, далер, ҷасур; ~ **человéк** одами нотарс

нерóвно *нареч.* 1. кақ, кақу килеб; **карти́на приби́та** ~ сурат кақ зада шудааст 2. ноустувор, нобаробар, номунтазам; ~ **рабóтать** номунтазам кор кардан

нерóвность *ж* 1. ноҳамворӣ, пасту баланд будан(и) 2. кақӣ, кақукилебӣ 3. нобаробар будан(и), номураттабӣ; ~ **дыхáния** номураттабии нафаскашӣ 4. *(неуравновешенность)* ноустуворӣ, бесубот будан(и) 5. *(стиля, слога и т. п.)* номавзунӣ, равон набудан(и)

нерóвн||ый, -ая, -ое (нерóв|ен, -нá, -но) 1. ноҳамвор, пасту баланд; ~**ая дорóга** роҳи пасту баланд 2. кақ, кақу килеб; ~**ая ли́ния** хатти кақ 3. номавзун, номураттаб, номунтазам; ~**ый пу́льс** набзи номавзун 4. ноустувор, бесубот; ~**ый харáктер** табиати ноустувор 5. *(о стиле, слоге и т. п.)* номавзун, равон не 6. *уст. (неравный)* нобаробар

нерóвня *м, ж разг.* муносиб не, номуносиб; **он тебé** ~ вай ба ту муносиб не

неродно́й, -áя, -óе 1. бегона, ғайр, ӯгай; ~ **отéц** падари ӯгай 2. бегона, ношинос; ~ **язы́к** забони бегона

неродови́т||ый, -ая, -ое (неродови́т, -а, -о) бенасаб, ғайриасилзода; ~**ое дворя́нство** дворянҳои бенасаб

нéрпа *ж зоол.* нерпа *(ҳайвони баҳрӣ аз ҷинси тюлень)*

нéрпов||ый, -ая, -ое ...и нерпа; ~**ая кóжа** пусти нерпа; ~**ые пимы́** музаи пусти нерпа

нерпу́ха *ж зоол.* тюлени гушдароз

нерýдн||ый, -ая, -ое ғайримаъдан; ~**ые ископáемые** канданиҳои ғайримаъдан *(мас. гил, рег)*

нерукотвóрный, -ая, -ое *поэт.* хеле зебо, фавқулодда, беназир, беҳамто, беамсол

нерýсск||ий, -ая, -ое ғайрирус(ӣ); **учéбник для** ~**их шкóл** китоби дарсии мактабҳои ғайрирусӣ

неруши́мо *нареч.* ба таври вайроннашаванда, мустаҳкам

неруши́мость *ж* вайроннашавандагӣ, шикастнопазирӣ, маҳкамӣ, мустаҳкамӣ; ~ **кля́твы** мустаҳкамии қасам

неруши́м||ый, -ая, -ое (нерушим, -а, -о) вайроннашаванда, шикастнопазир, маҳкам, мустаҳкам, пойдор; ~**ый сою́з** иттифоқи вайроннашаванда; ~**ая дрýжба** дустии мустаҳкам

неря́ха *м, ж* одами бетартиб (бесомон)

неря́шество *с см.* **неря́шливость**

неря́шливо *нареч.* ифлос, чиркин; бесомон

неря́шливость *ж* бетартибӣ, бесомонӣ, ифлосӣ, чиркинӣ; ~ **в рабóте** бесомонӣ дар кор

неря́шлив||ый, -ая, -ое (неряшлив, -а, -о) 1. бетартиб, чиркин, бесомон; ~**ый вид** намуди бесомон 2. нимкола, бад; ~**ая рабóта** кори чалачулпа

несамостоя́тельность *ж* номустақилӣ

несамостоя́тельн||ый, -ая, -ое (несамостоя́те|лен, -льна, -льно) номустақил; ғайримустақилона; ~**ый человéк** одами номустақил; ~**ое мнéние** ақидаи номустақил

несбы́точность *ж* иҷронашаванда (маҳол) будан(и)

несбы́точн||ый, -ая, -ое (несбыточ|ен, -на, -но) иҷронашаванда, маҳол, хом; ~**ая мечтá** хаёли хом

несварéние *с:* ~ **желýдка** сустии ҳозима, заъфи меъда

несвéдущий, -ая, -ее (несвéдущ, -а, -е) бехабар, ноогоҳ, нобалад, бемаълумот

несвéжесть *ж* беобурангӣ, бетароватӣ, пажмурдагӣ

несвéж||ий, -ая, -ее (несвéж, -а, -ó) 1. *(о продуктах и т. п.)* кухна; ~**ее мя́со** гушти кухна; ~**ие продукты** озуқаворӣи кухна; ~**ий хлеб** нони обаш гурехта 2. бебу ранг, бетароват, пажмурда; ~**ие крáски** рангҳои бетароват; ~**ее лицó** чеҳраи пажмурда 3. чиркин, вайрон; ~**ий вóздух** ҳавои вайрон 4. кухна; ~**ая газéта** газетаи кухна

несвоеврéменно *нареч.* бемаҳал, бемаврид, бемавқеъ

несвоеврéменность *ж* бемаҳал (бемаврид, бемавқеъ) будан(и)

несвоеврéменный, -ая, -ое (несвоевремен|ен, -на, -но) бемаҳал, бемаврид, бемавқеъ; ~ **приéзд** омадани бемаврид

несвóйственный, -ая, -ое (несвойст|венен *и* -вен, -венна, -венно) номахсус, хос не

несвя́зно *нареч.* нопайваста, берабт, беробита, ночаспон; **он говорит óчень** ~ у бисьёр берабт гап мезанад

несвя́зн||ый, -ая, -ое (несвяз|ен, -на, -но) нопайваста, берабт, беробита, ночаспон; ~**ые мы́сли** фикрҳои беробита

несгибáемость *ж* босуботӣ, мустаҳкамӣ

несгибáем||ый, -ая, -ое (несгибаем, -а, -о) 1. хамнашаванда, қатнашаванда 2. *перен.* матин, устувор, босубот, мустаҳкам; ~**ая вóля** иродаи мустаҳкам

несговóрчивость *ж* якравӣ, худраъӣ, гарданшахӣ, гапнодарорӣ

несговóрчивый, -ая, -ое (несговорчив, -а, -о) якрав, худраъй, гарданшах, гарданғафс, гапнодаро

несгорáемый, -ая, -ое насузанда, носухтанӣ, оташбардор, оташтобовар, ~ **шкаф** сандуқи насузанда

несдéржанно *нареч.* бо тундӣ, бо тундмизоҷӣ; ~ **вести́ себя́** тундмизоҷӣ кардан

несдéржанность *ж* тундмизоҷӣ, худдорӣ накардан(и), худдорӣ карда натавонистан(и)

несдéржанн||ый, -ая, -ое (несдержан, -на -но) тундмизоҷ(она), тундутез; ~**ый человéк** одами тундмизоҷ; ~**ая речь** нутқи тунду тез

несдобровáть *сов. кому-чему* омад накардан

несемéйный, -ая, -ое беоила, муҷаррад, танҳо; ~ **человéк** одами беоила

несéние *с* иҷро, иҷро кардан(и); ~ **караýльной слýжбы** иҷрои хизмати қаравулӣ

несерьёзно 1. *нареч.* ғайриҷиддӣ, сахлангорона; ~ **относи́ться к заня́тиям** ба машғулият ғайриҷиддӣ нигоҳ кардан 2. *в знач. сказ.* ғайриҷиддӣ (саҳлангорона) аст; **э́то** ~ ин саҳлангорона аст

несерьёзность *ж* 1. ғайриҷиддӣ (саҳлангорона) будан(и), сабукӣ, саҳлангорӣ; ~ **поведéния** ғайриҷиддӣ будани рафтор; беаҳамият (камаҳамият) будан(и)

несерьёзный, -ая, -ое (несерьёз|ен, -на, -но) 1. ғайриҷиддӣ, сабук, саҳлангор; ~ **человéк** одами сабук; ~ **подхóд к дéлу** рафтори ғайриҷиддӣ ба кор 2. беаҳамият, камаҳамият; ~ **разговóр** гуфтугуи беаҳамият

несжимáем||ый, -ая, -ое (несжимаем, -а, -о) фишорнаёбанда; ~**ая жи́дкость** моеи фишорнаёбанда

несимметри́чно *нареч.* нобароар

несимметри́чность *ж* нобаробар будан(и)

несимметри́чный, -ая, -ое (несимметри́ч|ен, -на, -но) нобаробар

несимпати́чный, -ая, -ое (несимпати́ч|ен, -на, -но) ситораҳунук

несказáнно *нареч.* аз ҳад зиёд, бениҳоят; **э́то извéстие** ~ **обрáдовало всех** ин хабар ҳамаро бениҳоят хурсанд кард

несказáнный, -ая, -ое аз ҳад зиёд, бениҳоят

нескладёха *м, ж прост. шутл.* дабанг, лаванд

нескла́дно *нареч.* номутаносибона, номарбут, ночаспон; ноҷӯр; ~ **петь** ноҷӯр суруд хондан

нескла́дн||ый, -ая, -ое (нескла́д|ен, -на, -но) 1. бадтаркиб, номутаносиб, бесулуқай, бесиёқ; ~**ое телосложéние** ҷуссаи бесулуқай 2. ноқулай, ноҳинҷор, фаҳул, ношинам; ~**ое сооружéние** иншооти ноҳинҷор; ~**ая одéжда** либоси фаҳул 3. берабт, беробита, ночаспон; номавзун, ноҷӯр; ~**ый расскáз** нақли беробита; ~**ое пéние** суруди ноҷӯр

несклоня́емость *ж грам.* тасрифнашавандагӣ, тасрифнашаванда будан(и)

несклоня́емый, -ая, -ое (несклоняем, -а, -о) *грам.* тасрифнашаванда

нéскольк||о I *числ.* якчанд, чанде, чанд; **за** ~**о мину́т до отхóда пóезда** якчанд дақиқа пеш аз ҳаракати поезд ◇ **в** ~**их словах** мухтасаран, бо якчанд калима

нéсколько II *нареч. (немного)* қадре, як қадар, як дараҷа; **он** ~ **медли́телен** вай як дараҷа (як қадар) суст-кор аст

нескончáемо *нареч.* беохир, бепоён, беинтиҳо; ~ **дли́нная ýлица** кучаи дуру дарози беохир

нескончáем||ый, -ая, -ое (нескончáем, -а, -о) беохир, бепоён, тамомнашаванда, беинтиҳо; ~**ый путь** роҳи бепоён; ~**ые спóры** мубоҳисаҳои беинтиҳо

нескрóмно *нареч.* густохона, беадабона; беҳаёёна

нескрóмность *ж* 1. густохӣ, беадабӣ, беназокатӣ 2. *(бесстыдство)* руйнатанӣ, беҳаёӣ, бешармӣ

нескрóмный, -ая, -ое (нескрóм|ен, -на, -но) 1. густох(она), беадаб(она), беназокат(она); ~ **вопрóс** саволи густохона 2. руйнатан, беҳаё(ёна), бешарм(она); ~ **взгляд** нигоҳи бешармона

нескрывáемый, -ая, -ое ошкоро, кушоду равшан, ғайримахфӣ

неслáженность *ж* ноҷурӣ, носозӣ

неслáженн||ый, -ая, -ое ноҷур, носоз; ~**ое пéние** суруди ноҷур

несловоохóтливость *ж* камгапӣ

несловоохотливый, -ая, -ое (несловоохóтлив, -а, -о) камгап

неслóжность *ж* номураккабӣ, соддагӣ; ~ **рисýнка** номураккабии сурат

неслóжн||ый, -ая, -ое (неслóж|ен, -нá, -но) номураккаб, ғайримураккаб, содда; ~**ый рисýнок** сурати номураккаб; ~**ый механи́зм** механизми номураккаб; ~**ая натýра** одами содда

нéслух *м прост.* гапнодаро, сар-каш, нинакшах

неслы́ханно *нареч.* аз ҳад зиёд, бениҳоят, ба таври гушношунид

неслы́ханн||ый, -ая, -ое (неслы́хан-н|а, -о) гушношунида, бемисл, бемонанд; ~**ые цéны** нархҳои бениҳоят баланд

неслы́шно *нареч.* паст, оҳиста, беовоз, бесадо; **он** ~ **подошёл к двéри** у оҳиста ба пеши дар омад

неслы́шн||ый, -ая, -ое (неслы́ш|ен, -нá, -но) паст, оҳиста, беовоз, бесадо; ~**ые шаги́** қадаммонии бесадо

несмéло *нареч.* беҷуръатона

несмéлость *ж* беҷуръатӣ, тарсончакӣ, буздилӣ

несмéлый, -ая, -ое (несмéл, -á, -о) беҷуръат(она), тарсончак, буздил

несменя́емость *ж* ивазнашавандагӣ, бадалнашавандагӣ

несменя́емый, -ая, -ое (несменяем, -а, -о) ивазнашаванда, бадалнашаванда, доимӣ

несмéтн||ый, -ая, -ое (несмéт|ен, -на, -но) бешумор, беадад, бепоён, беандоза, аз ҳад фузун, беҳадду ҳисоб; ~**ые богáтства страны́** сарватҳои бешумори мамлакат; ~**ое коли́чество (числó)** миқдори беҳадду ҳисоб

несмина́емость *ж* ғиҷимнашавӣ; ~ **ткáней** ғиҷимнашавии матоъ

несминáемый, -ая, -ое (несминáем, -а, -о) ғиҷимнашаванда

несмолкáем||ый, -ая, -ое (несмолкáем, -а, -о) якзайл, доимӣ; ~**ый шум реки́** шуввоси доимии дарьё; ~**ые аплоди́сменты** чапакзании дуру дароз

несмотря́ на *предлог с вин.* бо вуҷуди..., қатъи назар аз, сарфи назар аз; **их поéздка состоя́лась,** ~ **на плохýю погóду** бо вуҷуди нобоб будани обу ҳаво онҳо ба сафар баромаданд ◇ **несмотря́ ни на что** дар ҳар сурат

несмывáем||ый, -ая, -ое (несмывáем, -а, -о) 1. шустанашаванда; ~**ая крáска** ранге, ки бо шустан намеравад 2. *перен.* якумрӣ, умрбодӣ; ~**ый позóр** нанги якумрӣ

несмышлёный, -ая, -ое *разг.* нодон

несмышлёныш *м разг.* кудак

нестерпи́мо —

неснóсно *нареч.* тоқатфарсоёна

неснóсн||ый, -ая, -ое (неснóс|ен, -на, -но) тоқатфарсо, тоқатшикан, аз тоқат берун; ~**ая жарá** гармии тоқатфар-

со//безоркунанда, манфур, бад; ~ый **характер** феълу хуи бад; ~**ый человек** одами манфур

несоблюдение *с* риоя накардан(и), вайрон кардан(и)

несовершеннолетие *с* ноболигӣ, норасидагӣ, сағирӣ

несовершеннолетний, -яя, -ее ноболиғ, норасида, ба балоғат нарасида //*в знач. сущ.* **несовершеннолетний** *м*, **несовершеннолетняя** *ж* сағир

несовершенный I, -ая, -ое (несовершен|ен, -на, -но) ғайрикомил, номукаммал, нопурра; ~ **рисунок** сурати номукаммал

несовершенный II, -ая, -ое: ~ **вид глагола** *грам.* намуди ғайримутлақи феъл

несовершенство *с* номукаммалӣ, нопуррагӣ

несовместимост||ь *ж* гунҷоишнопазирӣ, номувофиқат, танофур ◇ **барьер** ~**и** *биол.* садди танофур

несовместим||ый, -ая, -ое (несовместим, -а, -о) якҷоянашаванда, гунҷоишнопазир, номувофиқ; ~**ые понятия** мафҳумҳои номувофиқ

несовместный, -ая, -ое (несовмест|ен, -на, -но) *уст. см.* **несовместимый**

несовпадение *с* рост (мувофиқ) наомадан(и)

несовременность *ж* ҳозиразамон (муосир) набудан(и); кӯҳна будан(и)

несовременный, -ая, -ое (несовремен|ен, -на, -но) ғайриҳозиразамон, номуосир; кӯҳна

несогласие *с* 1. ихтилоф, номувофиқатӣ; ~ **во взглядах** ихтилофи афкор 2. носозӣ, ноиттифоқӣ, низоъ; ~ **в семье** носозӣ дар оила 3. *(отказ)* норозигӣ, норизоӣ, розӣ набудан(и)

несогласн||ый, -ая, -ое (несогласен, -на, -но) 1. норозӣ, норизо; мухолиф, зид 2. ноҷур, носоз; ~**ое пение** суруди ноҷур 3. *(недружный)* номуттафиқ

несогласованно *нареч.* бемувофиқат, мувофиқ накарда

несогласованность *ж* номувофиқатӣ, номутобиқатӣ, мувофиқат надоштан(и); ~ **в работе** номувофиқатӣ дар кор

несогласованн||ый, -ая, -ое 1. номувофиқ, номутобиқ, бемувофиқат; ~**ые действия** амали бемувофиқат 2. мувофиқ (мутобиқ) карданашуда, бемаслиҳат; ~**ый проект** лоиҳаи бемаслиҳат 3. *грам.* номутобиқ, номувофиқ; ~**ое определение** муайянкунандаи номутобиқ

несозвучный, -ая, -ое (несозвуч|ен, -на, -но) номувофиқ, номуносиб; ~ **эпохе** ба замон номувофиқ

несознательно *нареч.* бешуурона, беихтиёрона

несознательность *ж* 1. бешуурӣ, беидрокӣ 2. *разг.* бефаҳмӣ, бемаърифатӣ; **что за** ~! ин чӣ бефаҳмист!

несознательн||ый, -ая, -ое (несознате|лен, -льна, -льно) 1. бешуур(она), беидрок 2. кафомонда; ~**ый элемент** унсури қафомонда//хунукназарӣ; ~**ое отношение к своим обязанностям** хунукназарӣ ба вазифаҳои худ

несоизмеримость *ж* беқиёс будани

несоизмерим||ый, -ая, -ое (несоизмерим, -а, -о) беқиёс, бесобиқа, беҳамто; ~**ые величины** бузургиҳои беқиёс

несократим||ый, -ая, -ое: ~**ая дробь** *мат.* касри ихтисорнашаванда

несокрушимо *нареч.* ба таври шикастнопазир, устуворона

несокрушимость *ж* шикастнопазир будан(и), устуворӣ, пойдорӣ

несокрушим||ый, -ая, -ое (несокрушим, -а, -о) шикастнопазир, устувор, пойдор, мустаҳкам; ~**ая воля** иродаи мустаҳкам (қавӣ)

несолёный, -ая, -ое бенамак, камнамак; ~ **суп** шурбои камнамак

несолидно *нареч.* бетамкин; номуносиб, сабук; **он выглядит** ~ вай одами бетамкин менамояд

несолидность *ж* бетамкинӣ, сабукӣ

несолидный, -ая, -ое (несолид|ен, -на, -но) *(о человеке)* бетамкин; *(о поступке и т. п.)* ношоиста, сабук

несолоно *нареч.*: ~ **хлебавши** *прост. шутл.* ду даст дар бинӣ монда

несомненно *вводн. сл.* бешак, бешубҳа, бегумон, албатта; **она**, ~, **знала всё** вай, бешубҳа, ҳамаашро медонист

несомненность *ж* бегумонӣ, бешак (бешубҳа, бегумон) будан(и)

несомненный, -ая, -ое (несомнен|ен, -на, -но) бешак, бешубҳа, бегумон

несообразительность *ж* бефаросатӣ, бефаҳмӣ, кундзеҳнӣ

несообразительный, -ая, -ое (несообразите|лен, -льна, -льно) бефаросат, бефаҳм, кундзеҳн

несообразность *ж* 1. номувофиқӣ, номуносибӣ, ночаспонӣ, мувофиқ набудан(и) 2. рафтори (сухани) беҷо, бемаънигӣ

несообразный, -ая, -ое (несообраз|ен, -на, -но) номувофиқ, номуносиб, бемаънӣ, ночаспон

несоответственность *ж см.* **несоответствие**

несоответственный, -ая, -ое (несоответствен, -на, -но) номуносиб, номувофиқ, номутобиқ

несоответствие *с* номуносибӣ, номувофиқӣ, номутобиқӣ; **явное** ~ номутобиқии комил

несоразмерно *нареч.* номутаносиб, бетаносуб, номутаносибона

несоразмерность *ж* номутаносибӣ, бетаносубӣ; ~ **ширины длине** номутаносибии қадду бар

несоразмерный, -ая, -ое (несоразмер|ен, -на, -но) номутаносиб, бетаносуб

несостоятельность *ж* 1. муфлисӣ, қарздорӣ 2. *(необеспеченность)* нодорӣ, нодорамӣ, бебизоатӣ 3. беасосӣ, бедалелӣ, беасос (бедалел) будан(и); ~ **доводов** беасос будани далелҳо

несостоятельн||ый, -ая, -ое (несостояте|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* муфлис, қарздор; ~**ый должник** қарздори муфлис 2. *тк. полн. ф.* *(небогатый)* нодор, нодорам, бебизоат 3. *перен.* беасос, бедалел, бенсбот; ~**ая теория** назарияи беасос

неспелость *ж* норасидагӣ, нопухтагӣ, хомӣ; ~ **фруктов** хомии мева

неспел||ый, -ая, -ое норасида, нопухта, хом; ~**ые яблоки** себҳои хом

неспешн||ый, -ая, -ое ғайритаъҷилӣ, бо майли хотир, оҳиста-оҳиста, бешитоб; ~**ая работа** кори ғайритаъҷилӣ

неподручно *в знач. сказ. безл. с неопр. прост.* нобоб (ноқулай, носоз) аст; **мне** ~ **идти с этой стороны** аз ин тараф гаштан ба ман ноқулай

неподручн||ый, -ая, -ое (неподруч|ен, -на, -но) *прост.* нобоб, ноқулай, носоз, номуносиб; **эта работа мне** ~а ин кор ба ман нобоб аст

неспокойно 1. *нареч.* ноосуда, нотинҷ, нороҳат, нооро̄м; ~ **спать** нооро̄м хоб рафтан 2. *в знач. сказ. безл.* мушавваш (нороҳат, нотинҷ, беқарор) аст; **у меня на душе** ~ дилам беқарор аст

неспокойн||ый, -ая, -ое (неспоко|ен, -йна, -йно) 1. ноосуда, нороҳат, ноосоишта, нооро̄м, беқарор; ~**ый человек** одами беқарор 2. нотинҷ, пурташвиш, мушавваш; ~**ая обстановка** вазъияти нотинҷ; ~**ая жизнь** ҳаёти пурташвиш 3. нооро̄м, носоз, бад; ~**ая погода** ҳавои бад; ~**ое море** баҳри пурмавҷ

неспор||ый, -ая, -ое (неспор, -а -о) *прост.* 1. бебарор; ~**ая работа** кори бебарор 2. *уст.* сусткор, суст; ~**ый работник** ходими сусткор 3. бебарака; ~**ая мука** орди бебарака

неспособность *ж* ноқобилӣ, беқобилиятӣ, беҳунарӣ, қобилият надоштан(и)

неспособный, -ая, -ое (неспособ|ен, -на, -но) 1. беқобилият, беҳунар, ноҳдабаро, суст; ~ **ученик** талабаи суст; ~ **на решительный шаг** ба иқдоми қатъӣ қобилият надошта 2. *прост.* номувофиқ, номуносиб, нобоб, ноқулай

несправедливо 1. *нареч.* беинсофона, беадолатона; **она поступила** ~ вай беадолатона рафтор кард 2. *в знач. сказ. безл.* беинсофона аст; **так поступать** ~ ин хел рафтор беинсофона аст

несправедливост||ь *ж* беинсофӣ, беадолатӣ; рафтори ноҳақ; ~**ь упрёков** маломати ноҳақ; **не терпеть** ~**и** ба беадолатӣ тоқат накардан

несправедлив||ый, -ая, -ое (несправедлив, -а, -о) 1. беинсоф(она), беадолат(она), ноҳақ; беасос; ~**ый человек** одами беадолат; ~**ый приговор** ҳукми беинсофона 2. ноҳақ, хато, нодуруст; ~**ое мнение** фикри нодуруст

неспроста *нареч. разг.* беғараз не, бедарак не, бемақсад **не**, бекор не

неспрягаем||ый, -ая, -ое *грам.* тасрифнашаванда; ~**ые формы глагола** шаклҳои тасрифнашавандаи феъл

несравненно *нареч.* 1. беандоза, бениҳоят, бисьёр нағз (хуб); **она танцует** ~ вай бисьёр хуб мерақсад 2. *с сравн. ст. прил. и нареч.* аз ... дида, нисбат ба...; **он** ~ **лучше меня играет**

в ша́хматы вай аз ман дида нағзтар шоҳмотбозӣ мекунад

несравне́нн||ый, -ая, -ое (несравне́н|ен, -на, -но) *см.* **несравни́мый** 1

несравни́мо *нареч. см.* **несравне́нно** 2

несравни́м||ый, -ая, -ое (несравни́м, -а, -о) 1. *книжн.* бемисл, беамсол, беназир, беандоза хуб 2. муқоисанопазир; **э́то ~ые ве́щи** ин чизҳо муқоисанопазиранд

нестанда́ртн||ый, -ая, -ое (нестанда́рт|ен, -на, -но) 1. ғайристандартӣ, яккулиба набуда; **~ая проду́кция** маҳсулоти ғайристандартӣ 2. *перен.* ғайриоддӣ, аҷиб, ғалатӣ, қолибӣ не; **~ый фасо́н** фасони ғайриоддӣ; **~ая фра́за** ҷумлаи ғалатӣ

неста́рый, -ая, -ое (нест|а́р, -ара́, -аро́) миёнсол; **~ челове́к** одами миёнсол

нестерпи́мо *нареч.* тоқатфарсо, тоқатгудозона; **~ жа́рко** ба ҳадди тоқатфарсо гарм аст

нестерпи́м||ый, -ая, -ое (нестерпи́м, -а, -о) тоқатфарсо, тоқатгудоз; **~ая жара́** гармии тоқатфарсо

нес||ти́ *несов.* 1. *кого-что* бурдан, бардошта бурдан; **~ти́ чемода́н** ҷомадонро бардошта бурдан; **~ти́ ребё́нка на рука́х** кӯдакро ба даст бардошта бурдан; **~ти́ мешо́к на спине́** турбаро пуштора карда бурдан 2. *кого-что* шитобон (зуд) бурдан; **конь ~ёт седока́** асп савораро шитобон (тир барин) мебарад // (*гнать — о ветре и т. п.*) ронда бурдан; **ве́тер бы́стро ~ёт па́русную ло́дку** шамол қаиқи бодбондорро тез ронда мебарад // *безл. и в сочет. с сущ.* «*чёрт*», «*дьявол*», «*нелёгкая*» *прост.*: **~ёт кого́-то нелё́гкая** касе аз кадом гур омада истодааст 3. *что* овардан; **о́сень ~ёт сля́коть и нена́стье** фасли тирамоҳ боронгарию лойгариҳо меоварад 4. *безл. чем* вазидан, омадан; **от пе́чи ~ёт жа́ром** аз печка гармӣ омада истодааст; **из-под по́лу ~ёт** аз таги фарш ҳавои хунук мебароад; **из ле́са ~ёт га́рью** аз беша бӯи сухта меояд 5. *что* гирифта бурдан, адо (иҷро) кардан; **~ти́ обя́занности заве́дующего** вазифаи мудирро иҷро кардан; **~ти́ слу́жбу** хизматро адо кардан; **~ти́ отве́тственность** ҷавобгар (масъул) будан 6. *что* дидан, кашидан; **~ти́ наказа́ние** ҷазо дидан; **~ти уро́н** зарар кашидан 7. *что разг.* лаққидан; **~ти́ чепуху́** гапҳои беҳуда гуфтан 8. *что перен.* (*заключать в себе*) доштан 9. *что мор.* таъмин будан, доштан; **су́дно ~ёт на себе́ де́сять ору́дий** киштӣ даҳ туп дорад 10. *что* (*класть яйца — о птицах*) зоидан, тухм мондан 11. *безл. кого прост.* дарун рафтан, дарунрав шудан; **ребё́нка ~ёт тре́тий день** даруни кӯдак се рӯз боз меравад ◇ **высоко́ (го́рдо) ~ти́ го́лову** сарбаланд будан

нести́сь *несов.* 1. давидан, зуд рафтан, тез тохтан, дартоз (давон) рафтан; **~ вскачь** чорхез давидан; **~ стрело́й** тир барин рафтан 2. *перен.* паҳн шудан, омадан, расидан (*дар бораи бӯй, садо ва ғ.*) 3. (*о времени и т. п.*) гузаштан, рафтан 4. (*класть яйца — о птицах*) тухм мондан

несто́йк||ий, -ая, -ое (несто́|ек, -йка, -йко) 1. раванда, зудгузар, гузарон; **~ий за́пах** бӯи раванда; **~ие отравля́ющие вещества́** моддаҳои заҳриоки зуд буғшаванда 2. *перен.* ноустувор, бесубот

несто́йкость *ж* 1. зуд рафтан(и), наистодан(и) (*дар бораи бӯй ва ғ.*) 2. *перен.* ноустуворӣ, бесуботӣ

несто́ящ||ий, -ая, -ее *разг.* бекора, корношоям, нолоиқ, ношоиста, беҳуда, бад; **~ее де́ло** кори беҳуда; **~ий челове́к** одами беҳуда

нестроеви́к *м воен.* аскари ғайриқаторӣ

нестроев||о́й I, -а́я, -о́е *воен.* ғайриқаторӣ; **~а́я слу́жба** хизмати ҳарбии ғайриқаторӣ // *в знач. сущ.* **нестроево́й** *м* аскари ғайриқаторӣ

нестроево́й II, -ая, -о́е сақат; **~ лес** чӯбу тахтаи сақат

нестро́йно *нареч.* 1. (*в беспорядке*) бетартибона, номураттаб 2. ноҷур, беоҳанг; **~ петь** ноҷур сароидан

нестро́йность *ж* 1. номавзун будан(и); **~ фигу́ры** номавзун будани қаду қомат 2. бетартибӣ, номураттабӣ; **~ шерё́нги** номураттабии қатор 3. ноҷурӣ, носозӣ, беоҳангӣ; **~ пе́ния** ноҷурии суруд

нестро́йн||ый, -ая, -ое (нестро́|ен, -йна́, -йно) 1. номавзун; **~ая фигу́ра** қаду қомати номавзун 2. бетартиб, номураттаб; **~ая шере́нга** қатори номураттаб; **~ые ряды́ проти́вника** сафҳои бетартиби душман 3. ноҷур, носоз, беоҳанг, бадоҳанг; **~ое пе́ние** суруди ноҷур

несть *в знач. сказ. безл. уст.*: **~ конца́** бепоён, беҳисоб; **~ числа́** беҳисоб

несудохо́дность *ж* киштиногард будан(и)

несудоходн||ый, -ая, -ое (несудохо́д|ен, -на, -но) киштиногард, киштиногузар; **~ая река́** дарьёи киштиногард

несуразиц||а *ж разг.* сафсата, ҳарза, ҳазьён; **говори́ть (плести́, болта́ть) ~у** сафсата гуфтан

несура́зно *нареч.* сафсата, ҳарза, ҳазьён

несура́зност||ь *ж разг.* сафсата, бемаънигӣ; **~ь рассужде́ний** бемаънигии мулоҳиза; **говори́ть ~и** сафсата гуфтан; **наде́лать ~ей** бемаънигӣ кардан

несура́зн||ый, -ая, -ое (несура́з|ен, -на, -но) *разг.* 1. сафсата, бемаънӣ, ҳарза, ҳазьён; **~ое рассужде́ние** мулоҳизаи бемаънӣ; **~ые мы́сли** фикрҳои бемаънӣ 2. бадандом, даванг, бесулуқай; **~ая фигу́ра** андоми бесулуқай

несусве́тн||ый, -ая, -ое (несусве́т|ен, -на -но) *разг.* аз ҳад зиёд, фавқулодда, беҳад; **~ая чепуха́** сафсатаи аз ҳад берун; **~ая жара́** гармии аз ҳад зиёд

несу́шка *ж* мокиён

несуще́ственность *ж* ҷузъиёт

несуще́ственн||ый, -ая, -ое (несуще́ствен, -на, -но) ҷузъӣ, фаръӣ; **~ое разли́чие** фарқи ҷузъӣ; **~ый при́знак** аломати фаръӣ

несу́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* баранда, бардоштабаранда 2. *прил. тех.* синҷ; **~ая ба́лка** болори синҷ

несхо́дный, -ая, -ое (несхо́д|ен, -на, -но) 1. номонанд, монанднабуда, бешабоҳат, монандинадошта 2. *прост.* (*неподходящий — о цене*) чут намедодагӣ

несхо́дство *с* номонандӣ, бешабоҳатӣ, монанд набудан(и), монандӣ надоштан(и); **~ хара́ктеров** монанд набудани феълу ху

несхо́жесть *ж разг. см.* **несхо́дство**

несхо́жий, -ая, -ее (несхо́ж, -а, -е) *разг. см.* **несхо́дный** 1

несчастли́вец *м разг.* одами бадбахт (сиёҳбахт, бетолеъ)

несчастли́вый, -ая, -ое (несча́стли́в, -а, -о) 1. бадбахт, сиёҳбахт, бетолеъ, сарсахт 2. (*неудачный*) шум, наҳс, нобоб; **~ день** рӯзи наҳс

несча́стн||ый, -ая, -ое (несча́ст|ен, -на, -но) 1. бадбахт(она), бетолеъ, мусибатзада, аламзада, бечора; **~ая жизнь** ҳаёти бадбахтона // *в знач. сущ.* **несча́стный** *м*, **несча́стная** *ж* одами бадбахт (бетолеъ) 2. бадбахтона, сиёҳ, ноком; **~ый слу́чай** бадбахтӣ, фалокат 3. *разг.* (*неудачный*) бебарор, наҳс, нобоб 4. *тк. полн. ф. чаще в обращ. разг.* бадбахт, лаънатӣ; **~ый трус!** тарсончаки лаънатӣ! 5. *тк. полн. ф. чаще в сочет. со словами* «*какой-то*», «*этот*» ягон, лоақал

несча́сть||е *с* бадбахтӣ, бетолеӣ, фалокат, мусибат ◇ **к ~ю, на ~е** *в знач. вводн. сл.* бадбахтона, мутаассифона; **това́рищ по ~ю** ҳамдард; **име́ть ~е** *с неопр.* бадбахтона

несчё́тно *нареч.* беадад, бешумор; **он ~ бога́т** вай сарвати бешумор дорад

несчё́тн||ый, -ая, -ое (несчё́т|ен, -на, -но) беҳисоб, беадад, бешумор; **~ые си́лы** қуввваи бешумор

несъедо́бный, -ая, -ое (несъедо́б|ен, -на, -но) нохурданӣ

несы́тн||ый, -ая, -ое (несы́т|ен, -на́, -но) сабук, беқувват; **~ая еда́** хӯроки сабук

несы́тый, -ая, -ое (несы́т, -а́, -о) 1. носер, гурусна 2. *перен.* чашмгурусна, ҳарис, сертамаъ

нет 1. *в знач. сказ. безл.* нест; **у меня́ ~ вре́мени** вақтам нест, вақт надорам; **никого́ ~ до́ма** дар хона касе нест; **~ ху́да без добра́** *посл.* то бад нагуӣ, нек пеш наояд 2. *частица отриц.* не, на; **ты пойдё́шь в сад? — Нет** ту ба боғ меравӣ? — Не 3. *частица усил.* охир, ...; **~, ты посмотри́!** охир, ту як нигоҳ кун!; **~, э́то же тала́нтливый худо́жник!** охир ин рассоми боистеъдод аст! 4. *частица вопр.* наход, ..., ростӣ, ...; **~, э́то пра́вда?** наход ин рост бошад? 5. *чаще в сочет. с частицами* «*да*», «*так*», «*же*» *разг.* -у, -ю, -да, -дия; **совсем было зако́нчил**

работу, так нет же, он мне помешал корро қариб тамом карда будам, вай омаду халал расонд 6. *в знач. сущ.* **нет** *м* нест; **на** ~ **и суда** ~ *погов.* нестро илоҷе нест ◇ ~ **и** ~. ~ **да** ~, ~ **как** ~ нест ки нест; ~-~, [**да**] **и** ... **гоҳ-гоҳе**...; ~-~. **да и напишет письмо** гоҳ-гоҳе мактуб мефиристад; ~ [**того**], **чтобы**... ба ҷои он ки...; а [**то**] ~? *прост.* ҳамин хел не магар?; **конца** ~ бепоён, беинтиҳо; **ни да ни** ~ на ҳаю на не; **чего** [**только**] ~ ҳама чиз ҳаст; **и в помине** ~ *кого-чего,* **и помину** ~ *о ком-чём* ҳеҷ нест, дарак не (нест); **на** ~ (**спилить, срубить** *и т. п.*) несту нобуд кардан, тамоман буридан (тарошидан, партофтан ва ғ.); **свести на** ~ несту нобуд кардан, барҳам додан; **сойти** (**свестись**) **на** ~ нест шудан, ҳеҷ шудан, бар бод рафтан; **в** ~**ях быть** (**сказываться**) *уст.* гуреза шуда гаштан

нетактично *нареч.* беназокатона, беадабона

нетактичность *ж* беназокатӣ, беодобӣ, беадабӣ, беадабона будан(и); ~ **поведения** беназокатии рафтор, ношоистагӣ; **допустить** ~ беадабӣ кардан

нетактичн||ый, -ая, -ое (нетактич|ен, -на, -но) беназокат, беодоб(она), беадаб(она); ~**ый человек** одами беодоб; ~**ое поведение** рафтори беадабона

неталантливый, -ая, -ое (неталантлив, -а, -о) безаковат, беистеъдод, бемаҳорат, беҳунар

нетвёрдо *нареч.* 1. ноустуворона, суст, бесубот 2. беҷуръатона

нетвёрд||ый, -ая, -ое (не|твёрд -тверда, -твёрдо) 1. ковок, мулоим; ~**ая почва** замини ковок 2. ноустувор(она), суст, бесубот; ~**ый голос** овози нимҷон 3. суст, заиф, беҷуръат; ~**ый характер** феълу хуи суст

нетель *ж обл.* ғуноҷин

нетерпёж *м прост. см.* **нетерпение**

нетерпеливо *нареч.* бетоқатона, бесаброна, бо ношикебоӣ

нетерпеливость *ж* бетоқатӣ, бесабрӣ, бебардоштӣ, ношикебоӣ

нетерпеливый, -ая, -ое (нетерпелив, -а, -о) бетоқат, бесабр, беқарор, бебардошт, ношикебо; ~ **человек** одами бетоқат

нетерпение *с* бетоқатӣ, бесабрӣ, бебардоштӣ, ношикебоӣ; **проявить** ~ бесабрӣ кардан

нетерпимо *нареч.* тоқатнопазирона, оштинопазирона; ~ **относиться к критике** тоби танқид надоштан

нетерпимость *ж* 1. норавоӣ, нораво будан(и), тоқатфарсоӣ, тоқатнопазир будан(и); ~ **поведения** норавоии рафтор 2. бетоқатӣ, оштинопазирӣ, бетаҳаммулӣ

нетерпим||ый, -ая, -ое (нетерпим, -а, -о) 1. нораво, тоқатфарсо, тоқатнопазир; ~**ое положение** вазъияти тоқатфарсо; ~**ый поступок** кирдори нораво 2. бесабр, бетоқат, бебардошт, оштинопазир, бетаҳаммул; **он нетерпим к недостаткам** вай тоби камбудиҳо надорад

нетёсаный, -ая, -ое 1. нотарош; ~ **камень** санги нотарош 2. *перен. прост.* дағал, ноҳамвор

неткан||ый, -ая, -ое ...и бетору пуд; ~**ые материалы** матои бетору пуд

нетленность *ж* 1. *уст.* фанонопазирӣ 2. *перен. книжн.* абадӣ (безавол, ҷовидонӣ) будан(и), бобақо будан(и), беззаволӣ

нетленн||ый, -ая, -ое (нетлен|ен, -на, -но) *прям. перен. книжн.* абадӣ, безавол, ҷовидонӣ, бобақо; ~**ая слава** шуҳрати ҷовидонӣ

нетоварищеск||ий, -ая, -ое кинаомез; ~**ое отношение** муомилаи кинаомез

нетопырь *м зоол.* куршапарак, муши паррон

неторопливо *нареч.* бе шитоб, шитоб накарда, оҳиста, сусткорона, фориғболона; ~ **двигаться** оҳиста ҳаракат кардан

неторопливость *ж* шитоб накардан(и), бешитобӣ оҳистагӣ, сусткорӣ

неторопли́в||ый, -ая, -ое (неторопли́в, -а, -о) бешитоб, шитобнакунанда, оҳиста, сусткор(она), фориғбол(она); ~**ые движения** ҳаракатҳои оҳиста

неточно *нареч.* носаҳеҳ, ноаниқ, номуайян, норавшан

неточност||ь *ж* 1. носаҳеҳӣ, ноаниқӣ, номуайянӣ; ~**ь подсчётов** ноаниқии ҳисоб 2. хато, ғалат, саҳв; ~**и в тексте** хатоҳо дар матн

неточный, -ая, -ое (неточ|ен, -на, -но) 1. носаҳеҳ, ноаниқ, номуайян, норавшан; ~ **подсчёт** ҳисоби носаҳеҳ; ~ **ответ** ҷавоби норавшан 2. ғалаткор, саҳвкунанда; **автор статьи неточен** баёноти муаллифи мақола саҳеҳ нест

нетребовательно *нареч.* камталабона, саҳлгирона

нетребовательность *ж* 1. камталабӣ, саҳлгирӣ 2. (*неприхотливость*) қаноаткорӣ, шикастанафсӣ

нетребовательный, -ая, -ое (нетребовате|лен, -льна, -льно) 1. камталаб, саҳлгир; ~ **учитель** муаллими камталаб 2. (*неприхотливый*) боқаноат, хоксор, шикастанафс

нетрезв||ый, -ая, -ое (нетрезв, -а, -о) маст, сархуш; **в** ~**ом состоянии** дар ҳолати мастӣ

нетронутый, -ая, -ое (нетронут, -а, -о). 1. даст расонданашуда, бутун, том 2. *перен.* покиза, пок, боисмат

нетрудн||ый, -ая, -ое (нетруд|ен, -на, -но) сабук, осон; ~**ая работа** кори осон

нетрудов||ой, -ая, -ое 1. ғайримеҳнатӣ 2. муфт; ~**ые доходы** даромади муфт

нетрудоспособность *ж* корношоямӣ; **временная** ~ муваққаган корношоям будан(и)

нетрудоспособный, -ая, -ое (нетрудоспособ|ен, -на, -но) корношоям

нетрудящийся, -аяся, -ееся ғайримеҳнаткаш, меҳнатнакунанда

нетто *неизм. прил.* холис; **вес** ~ вазни холис

нету 1. *в знач. сказ. безл. разг.* нест 2. *частица отриц. уст. и обл.* не, на

неубедительно *нареч.* бедалел, беисбот, беэътимод

неубедительность *ж* бедалелӣ, беисботӣ, эътимодбахш набудан(и)

неубедительный, -ая, -ое (неубедите|лен, -льна, -льно) бедалел, беисбот, беэътимод; ~ **довод** далели беэътимод

неуважение *с* беэҳтиромӣ, беҳурматӣ

неуважительно *нареч.* беэҳтиромона, беҳурматона; ~ **отозваться о ком-л.** дар ҳаққи касе беэҳтиромона гап задан

неуважительн||ый, -ая, -ое (неуважите|лен, -льна, -льно) 1. беузр, беасос, беэътибор; ~**ая причина** сабаби беасос 2. *разг.* беэҳтиром(она), беодоб(она), беҳурмат(она); ~**ое отношение** муомилаи беҳурматона

неуверенно *нареч.* бо шубҳа; ноустуворона, беҷуръатона; **чувствовать себя** ~ дудила будан

неуверенность *ж* эътимод надоштан(и); дудилагӣ, ноустуворӣ, дилпур набудан(и); ~ **в себе** аз худ дилпур набудан(и)

неуверенный, -ая, -ое (неуверен, -на, -но) 1. эътимоднадошта, шубҳакунанда, боварнакунанда; ~ **в своих силах** одами ба қувваи худ эътимоднадошта 2. дудила, ноустувор(она), беҷуръат(она); ~ **ответ** ҷавоби дудила

неувядаем||ый, -ая, -ое (неувядаем, -а, -о) 1. *уст.* бехазон, пажмурданашаванда, ҳамешабаҳор 2. *перен.* абадӣ, доимӣ, ҷовид, безавол; ~**ая слава** шуҳрати безавол

неувядающий, -ая, -ее *см.* **неувядаемый** 2

неувязка *ж разг.* ихтилоф; ~ **в работе** ихтилофи кор

неугасаемый, -ая, -ое (неугасаем, -а, -о) *см.* **неугасимый**

неугасимо *нареч.* хомушнашаванда, доимо

неугасим||ый, -ая, -ое (неугасим, -а, -о) 1. *уст.* хомушнашаванда, ҳамешафурузон; ~**ый светильник** чароғи ҳамешафурузон 2. *перен. высок.* хомушнашаванда, бардавом, доимӣ; ~**ая любовь** муҳаббати доимӣ

неугодный, -ая, -ое (неугод|ен, -на, -но) номатлуб, нописанд, номаъқул

неугомонно *нареч. разг.* беоромона, беқаророна

неугомонный, -ая, -ое (неугомо́н|ен, -на, -но) *разг.* 1. беором, беқарор; ~ **ребёнок** кудаки беқарор 2. беист, хомушнашаванда; ~ **шум рекй** шаввоси хомушнашавандаи дарьё

неуд *м разг. см.* **неудовлетворительно** 2

неударный, -ая, -ое *грам.* безада; ~ **гласный** садоноки безада

неудач||а *ж* бемуваффақиятӣ, нобарорӣ, нокомӣ; **потерпеть** ~**у** бемуваффақиятӣ дучор шудан

неудачливый, -ая, -ое (неудачлив, -а, -о) нобарор, бетолеъ, бебахт, ноком

неудачник *м* одами бетолеъ (бебахт

неудачн||ый, -ая, -ое (неудач|ен, -

-но) 1. бемуваффақият, нобарор, бебарор, бетолеъ; **охо́та была́ ~а** шикор барор нагирифт 2. нобоб, ғайриқаноатбахш, номувофиқ, бад; **~ый отве́т** ҷавоби ғайриқаноатбахш

неудержи́мо *нареч.* беихтиёр(она), якбора, беист; ~ **расхохота́ться** беихтиёр қаҳ-қаҳ зада фиристодан

неудержи́м||ый, -ая, -ое (неудержи́м, -а, -о) боздоштанашаванда, беихтиёр(она), пурзур; **~ый смех** ханда́и боздоштанашаванда; **~ое жела́ние** майлу ҳаваси пурзур

неуде́ржный, -ая, -ое (неуде́рж|ен, -на, -но) *см.* **неудержимый**

неудиви́тельно *в знач. сказ.* ҷои тааҷҷуб не, табиист; **э́то** ~ ҷои тааҷҷуб нест; **~, что он опозда́л** дер мондани вай табиист

неудо́бно 1. *нареч.* носоз, нобоб, ноқулай; ~ **лежа́ть** нобоб хоб кардан 2. *в знач. сказ безл.* нағз не

неудо́бн||ый, -ая, -ое (неудо́б|ен, -на, -но) 1. носоз, нобоб, ноқулай, ноороҳат; **~ое ме́сто** ҷои нобоб; **~ая по́за** ҳолати ноқулай 2. *перен.* нофорам, душвор, ногувор; хиҷолатовар; **попа́сть в ~ое положе́ние** ба ҳолати ногувор афтодан 3. *перен. уст.* беодобона, бемаврид

неудобо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «мушкил», «душвор», «ногувор»:* **неудобопоня́тный** душворфаҳм, мушкилфаҳм; **неудобовари́мый** бадҳазм

неудобовари́мый, -ая, -ое 1. *(о пище)* бадҳазм 2. *перен.* душворфаҳм, нофаҳмо, номафҳум

неудобопоня́тный, -ая, -ое душворфаҳм, мушкилфаҳм

неудобопроизноси́м||ый, -ая, -ое (неудобопроизносим, -а, -о) 1. мушкилталаффуз; **~ые сочета́ния зву́ков** таркиби душворталаффузи овозҳо 2. беадабона, ногуфтанӣ, айб; **~ое выраже́ние** гапи айб

неудобочита́емый, -ая, -ое (неудобочитаем, -а, -о) хонданаш мушкил (душвор)

неудо́бство *с* 1. носозӣ, нобобӣ, ноқулайӣ 2. хиҷолат, ҳолати нобоб, вазъияти ногувор; **испы́тывать** ~ хиҷолат ҳашидан

неудовлетворе́ние *с* қонеъ (қаноатманд) нашудан(и), қаноат накардан(и)

неудовлетворённо *нареч.* қонеънашуда, қаноатнакарда

неудовлетворённость *ж* қонеъ (қаноатманд) нашудан(и); **испы́тывать** ~ қонеъ нашудан, қаноат ҳосил накарданан

неудовлетворённый, -ая, -ое қонеънашуда, қонеъ карданашуда, қаноат ҳосилнакарда

неудовлетвори́тельно 1. *нареч* ғайриқаноатбахш, ноқаноатбахш; ~ **вы́полнить зада́ние** вазифаро ғайриқаноатбахш иҷро кардан 2. *в знач. сущ.* **неудовлетвори́тельно** *с нескл.* баҳои ғайриқаноатбахш; **получи́ть** ~ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан

неудовлетвори́тельный, -ая, -ое (неудовлетвори́те|лен, -льн , -льно) ғайриқаноатбахш, қонеънакунанда; ~ **отве́т** ҷавоби ғайриқаноатбахш

неудово́льствие *с* норизоӣ, нохушнудӣ, нохушӣ

неуё́мный, -ая, -ое (неуё́м|ен, -на, -но) *разг.* 1. хомушнашаванда, беист; ~ **дождь** борони беист 2. беором, беқарор; ~ **челове́к** одами беқарор

неуже́ли *частица вопр.* наход ки, магар, рости; ~ **он не придёт?** наход ки вай наояд?

неужи́вчивость *ж* улфатнопазир будан(и), носозгорӣ; ~ **хара́ктера** бадхулқӣ, хулқи бад, бемуросогӣ

неужи́вчивый, -ая, -ое (неужи́вчив, -а, -о) улфатнопазир, номуросо, бемуросо; ~ **челове́к** одами бемуросо

неу́жто *частица вопр. уст. и прост. см.* **неуже́ли**

неузнава́емо *нареч.* ба таври шинохтанашаванда, ниҳоят; **го́род измени́лся** ~ шаҳр ниҳоят дигаргун шудааст

неузнава́емост||ь *ж:* **до ~и** ниҳоят; **боле́знь измени́ла его́ до ~и** касалӣ уро ниҳоят дигаргун кардааст

неузнава́емый, -ая, -ое (неузнава́ем, -а, -о) шинохтанашаванда

неукло́нно *нареч.* бемайлон, устуворона, доимо; собитқадамона

неукло́нн||ый, -ая, -ое (неукло́н|ен, -на, -но) 1. бемайлон, устуворона, доимӣ, **~ый рост произво́дительности труда́** афзоиши доимии ҳосилнокии меҳнат 2. мустаҳкам, собитқадам, мазбут, устувор; **~ая во́ля** иродаи мустаҳкам

неуклончивость *ж уст.* якравӣ, инодкорӣ

неукло́нчивый, -ая, -ое (неуклончив, -а, -о) *уст.* якрав, инодкор, гапнодаро

неуклю́же *нареч.* лавандона, дағалона; ~ **передвига́ться** лавандона роҳ гаштан // фаҳул, ношинам, бесиёқ; **пла́тье на ней сиди́т** ~ либосаш фаҳул аст

неуклю́жесть *ж* лавандӣ, дағалӣ, бесулуқай

неуклю́жий, -ая, -ее (неуклю́ж, -а, -е) лаванд, дағал, бесулуқай; ~ **челове́к** одами лаванд

неукосни́тельно *нареч.* ҳатман, бечуну чаро; ~ **выполня́ть свои́ обя́занности** вазифаҳои худро ҳатман иҷро кардан

неукосни́тельн||ый, -ая, -ое (неукосни́те|лен, -льна, -льно) ҳатмӣ, бечуну чаро, бегуфтугу; **~ое соблюде́ние дисципли́ны** ба интизом бечуну чаро риоя кардан(и)

неукроти́мо *нареч.* саркашона; ниҳоят

неукроти́мость *ж* рамандагӣ, саркашӣ, якравӣ; зурӣ, тавоноӣ

неукроти́м||ый, -ая, -ое (неукроти́м, -а, -о) раманда, саркаш, якрав, пурзур, тавоно; **~ое жела́ние** хоҳиши зур

неулови́мость *ж* 1. дастгирнашаванда будан(и) 2. *перен.* ҳиснашаванда (дарк-нашаванда) будан(и)

неулови́м||ый, -ая, -ое (неулови́м, -а, -о) 1. дастгирнашаванда; диданаш (ёфтанаш) душвор; **он неулови́м** диданаш душвор аст 2. *перен.* ночиз, норавшан; **~ая ра́зница** фарқи ночиз

неулы́бчивый, -ая, -ое (неулы́бчив, -а, -о) *разг.* бадқавоқ; ~ **челове́к** одами бадқавоқ

неуме́ло *нареч.* ноуҳдабароёна, беҳунарона

неуме́л||ый, -ая, -ое (неуме́л, -а, -о) бетаҷриба, бемаҳорат, ноуҳдабаро(ёна), беҳунар(она); **~ый организа́тор** ташкилотчии ноуҳдабаро; **~ые ру́ки** дастҳои беҳунар; **~ая рабо́та** кори ноуҳдабароёна

неуме́ние *с* бемаҳоратӣ, ноуҳдабароӣ

неуме́ренно *нареч.* беандоза, аз ҳад зиёд, бисьёр, ифроткорона; ~ **кури́ть** бисьёр папирос кашидан

неуме́ренность *ж* беандоза (аз ҳад зиёд) будан(и), ифрот, номуътадилӣ; ~ **в еде́** пурхурӣ

неуме́ренный, -ая, -ое (неуме́рен, -на, -но) ифроткор, худдоринакунанда; ~ **челове́к** одами ифроткор // *(чрезмерный)* беандоза, беҳад, аз ҳад фузун; ~ **аппети́т** иштиҳои зур; ~ **восто́рг** шавқу завқи аз ҳад фузун

неуме́стно *нареч.* беҷо, бемаврид, бемавқеъ

неуме́стность *ж* номуносибӣ, бемуносибатӣ, бемавридӣ, бемавқеӣ, беҷо будан(и)

неуме́стн||ый, -ая, -ое (неуме́ст|ен, -на, -но) номуносиб, бемаврид, бемавқеъ, беҷо; **~ый вопро́с** саволи бемаврид; **~ое замеча́ние** танбеҳи бемаврид

неумёха *м, ж прост.* беҳунар, ношуд, нориуд

неу́мно *нареч.* беақлона, беандеша

неу́мн||ый, -ая, -ое (не|умён, -умна́, -умно) камақл(она), беақл(она); **~ый челове́к** одами беақл; **~ое реше́ние** қарори беақлона

неумоли́мо *нареч.* ҳатман, ногузир

неумоли́мость *ж* 1. сангдилӣ, бераҳмона будан(и) 2. *перен.* ҳатмӣ (ногузир) будан(и)

неумоли́мый, -ая, -ое (неумоли́м, -а, -о) 1. сангдил(она), бераҳм(она); ~ **челове́к** одами сангдил 2. *перен.* қатъӣ, ҳатмӣ, ногузир; ~ **ход исто́рии** рафти ногузири таърих

неумолка́емо *нареч.* беором, беист

неумолка́емый, -ая, -ое (неумолка́ем, -а, -о) хомушнашаванда, беором, беист; ~ **шум реки́** шаввоси бероми дарьё

неумо́лчно *нареч. см.* **неумолка́емо**

неумо́лчный, -ая, -ое (неумолч|ен, -на, -но) *см.* **неумолкаемый**

неумы́тный, -ая, -ое (неумыт|ен, -на, -но) *уст.* холис(она), беғараз(она)

неумы́тый, -ая, -ое (неумыт, -а, -о) ношуста, чиркин, шустанашаванда

неумы́шленность *ж* беғаразӣ, беқасдӣ, беихтиёрона будан(и)

неумы́шленный, -ая, -ое (неумы́шлен, -на, -но) беғараз(она), беқасд(она), беихтиёр(она)

неунывáющий, -ая, -ее бепарво, беғам

неупла́т||а *ж* адо накардан(и), на-

додани пул, напардохтан(и); ~а **до́лга** адо накардани қарз; **в слу́чае** ~**ы** дар сурати надодани пул

неупла́ченн||ый, -ая, -ое адонашуда, доданашуда, пардохтанашуда; ~**ые долги́** қарзҳои адонашуда

неупоря́доченность *ж* бетартибӣ, бетартиб будан(и), бесомонӣ

неупоря́доченн||ый, -ая, -ое бетартиб, бесомон; ~**ое хозя́йство** хоҷагии бесомон

неупотреби́тельность *ж* ғайримаъмул будан(и), маъмул набудан(и)

неупотреби́тельн||ый, -ая, -ое (неупотреби́те|лен, -льна, -льно) истеъмолнашаванда, ғайримаъмул; ~**ое сло́во** калимаи ғайримаъмул

неупра́вка *ж прост.* носозӣ, вайронӣ, халал

неуравнове́шенность *ж* бетаҳаммулӣ, ҳардамхаёлӣ, беэътидолӣ

неуравнове́шенный, -ая, -ое (неуравнове́шен, -на, -но) бетаҳаммул, ҳардамхаёл, беэътидол; ~ **челове́к** одами ҳардамхаёл

неурожа́й *м* қаҳтӣ, қаҳтсолӣ, хушксолӣ

неурожа́йность *ж* қаҳтӣ; камҳосилӣ; ~ **по́чвы** камҳосилии замин

неурожа́йн||ый, -ая, -ое (неурожа́|ен, -йна, -йно) беҳосил, камҳосил; ...и қаҳтсолӣ; ~**ый год** соли қаҳтӣ, қаҳтсолӣ; ~**ая земля́** замини камҳосил

неуро́чн||ый, -ая, -ое бевақт, бевақту соат, бемаҳал; **в** ~**ое вре́мя** бевақту соат; **в** ~**ый час** бемаҳал

неуря́дица *ж разг.* 1. *(беспорядок)* бетартибӣ, парешонӣ, носозӣ, бесарусомонӣ 2. *(неполадки)* ҷанҷол

неуси́дчивость *ж* беқарорӣ, нооромӣ

неуси́дчивый, -ая, -ое (неуси́дчив, -а, -о) беқарор, беором

неуспева́емость *ж* ақибмонӣ, қафомонӣ

неуспева́ющ||ий, -ая, -ее ақибмонда, қафомонда; ~**ий учени́к** талабаи ақибмонда // *в знач. сущ.* **неуспева́ющий** *м*, **неуспева́ющая** *ж* ақибмонда; **в кла́ссе нет** ~**их** дар синф ақибмондаҳо нестанд

неуспе́х *м* бемуваффақиятӣ, нобарорӣ, нокомӣ

неуспе́шный, -ая, -ое (неуспе́ш|ен, -на, -но) бемуваффақият, нобарор, ноком, бенатиҷа

неуста́нно *нареч.* доимо, пайваста, дам ба дам, пай дар пай, пай дар ҳам; ~ **повыша́ть произво́дительность труда́** маҳсули меҳнатро пайваста зиёд кардан

неуста́нн||ый, -ая, -ое (неуста́н|ен, -на, -но) доимӣ, пай дар пай, пай дар ҳам, якзайл; беором, беқарор; ~**ая борьба́** мубориза доимӣ

неусто́йк||а *ж* 1. *юр.* ҷаримаи аҳдшиканӣ; **плати́ть** ~**у** ҷаримаи аҳдшиканӣ додан 2. *прост. (неудача)* бемуваффақиятӣ, нокомӣ

неусто́йчиво *нареч.* ноустуворона, бесуботона

неусто́йчивость *ж* 1. ноустуворӣ, нопойдорӣ, номустаҳкамӣ 2. тағьирьёбанда (ноустувор) будан(и) 3. *перен.* бесуботӣ, беқатъиятӣ; **мора́льная** ~ бадахлоқӣ

неусто́йчив||ый, -ая, -ое (неусто́йчив, -а, -о) 1. ноустувор, нопойдор, номустаҳкам; ~**ый стул** курсии шалақ 2. тағьирьёбанда, ноустувор; ~**ая пого́да** ҳавои ноустувор 3. *перен.* бесубот, беқатъият; ~**ый челове́к** одами бесубот 4. *геол.* ноустувор ◇ ~**ое равнове́сие** *физ.* мувозинаи ноустувор

неустрани́м||ый, -ая, -ое (неустрани́м, -а, -о) бартарафнашаванда, дафънашаванда, рафънашаванда; ~**ое препя́тствие** мамониати бартарафнашаванда

неустраши́мо *нареч.* нотарсона, бебокона, далерона

неустраши́мость *ж* нотарсӣ, бебокӣ, боҷуръатӣ, далерӣ

неустраши́мый, -ая, -ое (неустраши́м, -а, -о) нотарс, бебок, боҷуръат, далер; ~ **бое́ц** ҷанговари нотарс

неустро́енность *ж* носозӣ, бесомонӣ, бесарусомонӣ, бетартибӣ

неустро́енный, -ая, -ое носоз, бесомон, бесару сомон, бетартиб; ~ **быт** зиндагонии бесару сомон; ~ **челове́к** одамӣ бесомон

неустро́йство *с* носозӣ, бесомонӣ, бесарусомонӣ, бетартибӣ, бенизомӣ

неусту́пчивость *ж* якравӣ, саркашӣ

неусту́пчивый, -ая, -ое (неусту́пчив, -а, -о) гузаштнакунанда, якрав, саркаш; ~ **нрав** якравӣ

неусы́пно *нареч.* зиракона, ҳушьёрона

неусы́пный, -ая, -ое бодиққат, зиракона; ~ **надзо́р** назорати бодиққат

неутеши́тельность *ж* нофорамӣ, ногуворӣ

неутеши́тельн||ый, -ая, -ое (неутеши́те|лен, -льна, -льно) нофорам, ногувор, нохуш; ~**ое изве́стие** хабари ногувор

неуте́шн||ый, -ая, -ое (неуте́ш|ен, -на, -но) таскиннопазир, тасаллинопазир; ~**ое го́ре** андӯҳи тасаллинопазир

неутоли́мость *ж* таскиннаёбанда (тасаллинопазир) будан(и)

неутоли́м||ый, -ая, -ое таскиннаёбанда, тасаллинопазир; ~**ая боль** дарди тасаллинопазир; ~**ая жа́жда** ташнагии зӯр

неутоми́мо *нареч.* монда нашуда, пуртоқатона; ~ **боро́ться за мир** барои сулҳ монда нашуда мубориза бурдан

неутоми́мость *ж* монданашаванда (хастанашаванда) будан(и), пуртоқатӣ

неутоми́мый, -ая, -ое (неутоми́м, -а, -о) монданашаванда, хастанашаванда, пуртоқат; ~ **иссле́дователь** тадқиқотчии пуртоқат

не́уч *м разг.* нодон, ҷоҳил, чаласавод

неучёный, -ая, -ое *прост.* чаласавод

неучти́во *нареч.* беэҳтиромона, беназокатона, беадабона, беҳурматона

неучти́вость *ж* 1. беэҳтиромӣ, беназокатӣ, беадабӣ 2. рафтори беадабона, гуфтори беэҳтиромона

неучти́в||ый, -ая, -ое (неучти́в, -а, -о) беэҳтиром(она), беназокат(она), беадаб(она); ~**ое обраще́ние** муомилаи беназокатона

неую́тно 1. *нареч.* норохат, ноқулай, нобоб; **чу́вствовать себя́** ~ худро норохат ҳис кардан 2. *в знач. сказ. безл.* нобоб (беҳаловат) аст; **в кварти́ре бы́ло** ~ хона беҳаловат буд 3. *в знач. сказ. безл. кому* норохат (ноқулай, нобоб) аст; **мне** ~ **в чужо́м до́ме** дар ҳонаи бегона худро норохат ҳис мекунам

неую́тн||ый, -ая, -ое (неую́т|ен, -на, -но) норохат, беҳаловат, ноқулай, нобоб, носоз; ~**ое помеще́ние** хонаи беҳаловат

неуязви́мость *ж* 1. қобили таъсир набудан(и); ~ **хара́ктера** пустғафсӣ 2. дастнорас будан(и) 3. *(безупречность)* эроднопазир (беайб) будан(и)

неуязви́м||ый, -ая, -ое (неуязви́м, -а, -о) 1. пустғафс; ~**ый челове́к** одами пӯстғафс 2. дастнорас; ~**ое ме́сто** ҷои дастнорас 3. раднопазир, эроднопазир, беайб; ~**ое доказа́тельство** далели эроднопазир

нефели́н *м мин* нефелин

нефели́нов||ый, -ая, -ое ...и нефелин, нефелинӣ; ~**ое сырьё** ашьёи хоми нефелин

нефри́т I *м мин.* яшми сабз

нефри́т II *м мед.* нефрит *(варами гурда)*

нефри́тов||ый, -ая, -ое *мин.* ...и яшм, яшмӣ; ~**ая глы́ба** яшмпора; ~**ая ва́за** гулдони яшмӣ

нефте- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «нефт»:* **нефтедобы́ча** нефткашӣ, нефтҳосилкунӣ; **нефтескважи́на** чохи нефт

нефтеаппарату́ра *ж* асбобҳои нефткашӣ

нефтеба́за *ж* базаи нефт

нефтево́з *м* киштии нефткашон

нефтедобыва́ющ||ий, -ая, -ее ...и нефтҳосилкунӣ, нефтҳосилкунанда; ~**ая промы́шленность** саноати нефтҳосилкунӣ

нефтедобы́ча *ж* нефткашӣ, нефтҳосилкунӣ

нефтеналивн||о́й, -а́я, -о́е нефткашон, нефткаш; ~**о́е су́дно** киштии нефткашон

нефтено́сность *ж* нефтдор будан(и), нефт доштан(и)

нефтено́сный, -ая, -ое нефтдор; ~ **пласт земли́** қабати нефтдори замин

нефтепере́го́нн||ый, -ая, -ое ...и софкории нефт; ~**ая аппарату́ра** асбобҳои софкорин нефт

нефтеперераба́тывающий, -ая, -ее ...и коркарди нефт; ~ **заво́д** заводи коркарди нефт

нефтепрово́д *м* қубури нефт

нефтепроду́кты *мн.* *(ед.* **нефтепроду́кт** *м)* маҳсули нефт

нефтепро́мысел *м* кони нефт

нефтепромы́шленник *м* соҳиби кони нефт

нефтепромы́шленность *ж* саноати нефт, саноати нефтбарорӣ

нефтепромышленный, -ая, -ое ...и саноати нефт; ~ **район** райони саноати нефт

нефтескважина *ж* чоҳи нефткашӣ

нефтехимия *ж* химияи нефт

нефтехранилище *с* анбори нефт

нефть *ж* нефт

нефтяник *м* 1. нефтчӣ 2. *уст. разг.* соҳиби кони нефт

нефтянка *ж разг.* 1. муҳаррики нефтӣ 2. завраҳи нефткашонӣ

нефтян||ой, -ая, -ое нефтӣ; ~**ой запах** буи нефт; ~**ой двигатель** муҳаррики нефтӣ; ~**ая промышленность** саноати нефт

нехай *частица обл. и прост.* майлаш, мон

нехватка *ж разг.* камӣ, норасоӣ, камомад

нехитро *нареч.* оддӣ, осон

нехитр||ый, -ая, -ое (не|хитёр, -хитра, -хитро) 1. соддадил, содда, софдил 2. *разг.* оддӣ, осон, номураккаб; ~**ое устройство механизма** сохти оддии механизм

неходовой, -ая, -ое *разг.* камистеъмол, бозорногузар, касмахар; ~ **товар** моли касмахар

нехожен||ый, -ая, -ое *разг.* ногашта, хилват; ~**ая тропа** пайроҳаи хилват

нехорош||ий, -ая, -ее (нехорош, -а, -о) 1. хуб не, нағз не, бад, ганда; ~**ий сон** хоби ганда; ~**ая погода** ҳавои бад // *(недобрый)* бад, шарир; **он рассмеялся** ~**им смехом** вай заҳрханда кард 2. *чаще кр. ф.* *(некрасивый)* бенур; **она** ~**а собой** вай бенур аст

нехорошо 1. *нареч.* бад; ~ **чувствовать себя** худро бад ҳис кардан 2. *в знач. сказ. безл.* нағз не, хуб не; **так поступать** ~ ин тавр рафтор кардан хуб не

нехотя *нареч. разг.* 1. бо дили нохоҳам, бемайлу рағбат; ~ **отвечать** бо дили нохоҳам ҷавоб додан 2. нохост, ногаҳон, беихтиёр; ~ **причинить боль кому-л.** касеро беихтиёр ранҷондан (озор додан)

нехристь *м прост.* 1. *уст.* ғайринасронӣ, бедин 2. *бран.* золим, сангдил, беинсоф

нецелесообразно *нареч.* номатлуб, номаъқул, бефоида

нецелесообразность *ж* номатлубӣ, маъқул набудан(и), бефоида будан(и)

нецелесообразн||ый, -ая, -ое (нецелесообраз|ен, -на, -но) номатлуб, номаъқул, бефоида; ~**ая трата времени** бефоида сарф кардани вақт

нецензурно *нареч.* қабеҳона, дағалона; ~ **выражаться** гапи айб задан

нецензурность *ж* қабеҳӣ, зиштӣ, дағалӣ

нецензурн||ый, -ая, -ое (нецензур|ен, -на, -но) 1. *уст.* ғайрицензурӣ, аз қондаи цензура берун, аз тарафи цензура манъшуда 2. *перен.* қабеҳ, зишт, ногуфтанӣ; ~**ое выражение** гапи айб

нецеремонность *ж* бетакаллуф (бенозу нуз) будан(и)

нецеремонный 1. бетакаллуф(она), бенозунуз(она); ~ **приём** пазироии бетакаллуфона 2. бешарм(она), беҳаё(ёна), беор, беадаб(она)

неча *нареч. обл.* *(незачем)* ҳоҷат нест, даркор не, лозим не

нечаянно *нареч.* 1. нохост, ногаҳон 2. беихтиёр, тасодуфан; ~ **задеть локтем кого-л.** касеро тасодуфан бо оринҷ зада гузаштан

нечаянност||ь *ж* 1. ногаҳонӣ, ногаҳонӣ (тасодуфӣ) будан(и); ~**ь встречи** ногаҳонӣ будани вохурӣ 2. ҳодисаи тасодуфӣ ◇ **по** ~**и** беихтиёр

нечаянн||ый, -ая, -ое 1. ногаҳонӣ; ~**ая встреча** вохурии ногаҳонӣ 2. тасодуфӣ, беихтиёр(она); ~**ый выстрел** тирпаррониии тасодуфӣ

нечего I (нечему, нечем, не о чём) *мест. отриц. с неопр.* ҳеҷ чиз, ҳеҷ; **мне** ~ **сказать** ман ҳеҷ гапе надорам; **нечему удивляться** ҷои тааҷҷуб нест; **писать нечем** ҳеҷ чиз нест, ки нависам; **не о чем говорить** ҳеҷ чизи гуфтанӣ нест ◇ **делать** ~, ~ **делать** *в знач. вводн. сл.* илоҷи дигар нест; **делить** ~ *кому* барои ҷангу ҷидол сабабе нест; ~ **говорить** худ аз худ маълум, ҳоҷати гап нест; ~ [и] **греха таить** бояд иқрор кард, росташро гуфтан даркор; ~ **сказать** 1) дар воқеъ, воқеан, гуфтагӣ барин 2) *вводн. сл.* ҳай-ҳай

нечего II *в знач. сказ. с неопр. разг.* даркор (лозим ҳоҷат) нест; **об этом и думать** ~ дар ин хусус ҳоҷати фикр кардан ҳам нест; ~ **вам в это дело вмешиваться** ба ин кор мудохила кардани шумо даркор не

нечеловечески *нареч.* бисьёр сахт, тоқатфарсо; ~ **трудные условия** шароити тоқатфарсо

нечеловеческ||ий, -ая, -ое 1. ғайриинсонӣ; ~**ое отношение** муносибати ғайриинсонӣ 2. тоқатгудоз, тоқатфарсо, бисьёр сахт (зӯр); ~**ие усилия** ҷидду ҷаҳди ниҳоят зӯр

нечеловечный, -ая, -ое (нечеловеч|ен, -на, -но) ноодамона, беинсофона; ~ **поступок** рафтори беинсофона

нечем *мест. отриц. тв. от* **нечего** I

нечему *мест. отриц. дат. от* **нечего** I

нечернозёмн||ый, -ая, -ое гайри сиёҳзамин; ~**ая полоса** минтақаи ғайри сиёҳзамин

нечёсан||ый, -ая, -ое (нечёсан, -а, -о) шонанакарда; ~**ые волосы** муи шонанакарда

нечестивец *м уст.* гунаҳкор, осӣ

нечестивый, -ая, -ое (нечестив, -а, -о) *уст.* гунаҳкор, осӣ; ~ **человек** одами осӣ

нечестно *нареч.* бевиҷдонона, бешарафона, беномусона; ~ **поступить** бевиҷдонӣ кардан

нечестность *ж* бевиҷдонӣ, бешарафӣ, беномусӣ

нечестный, -ая, -ое (нечест|ен, -на, -но) бевиҷдон(она), бешараф(она), беномус(она); ~ **человек** одами бевиҷдон; ~ **поступок** рафтори бешарафона

нечет *м разг.* тоқ; **чёт и** ~ ҷуфту тоқ

нечётк||ий, -ая, -ое (не|чёток, -четка, -чётко) норавшан, номуайян, муғлақ, нобурро, бадхон, нохоно; ~**ая мысль** фикри муғлақ; ~**ий почерк** хати бадхон

нечётко *нареч.* норавшан, нобурро

нечёткость *ж* норавшанӣ, нобурроӣ, номуайянӣ, нохоно будан(и)

нечётн||ый, -ая, -ое тоқ, ноҷуфт; ~**ое число** адади тоқ

нечиновный, -ая, -ое *уст.* бемансаб, бемартаба

нечисто 1. *нареч.* ифлос, чиркин, нотоза; ~ **вымыть руки** дастҳоро тоза нашустан 2. *нареч.* *(неточно)* вайрон, нобурро 3. *нареч.* *(неаккуратно)* ҳарому ҳариш, чала-чулпа 4. *в знач. сказ. безл.* чиркин (ифлос) аст

нечистоплотно *нареч.* касифона, ҳарому ҳариш

нечистоплотность *ж* 1. ҳарому ҳаришӣ, ифлосӣ, касифӣ 2. *перен.* пасти, разили

нечистоплотный, -ая, -ое (нечистоплот|ен, -на, -но) 1. нопок, ифлос, касиф 2. *перен.* паст, разил; ~ **поступок** кори паст

нечистота *ж* 1. ифлосӣ, касифӣ 2. *перен.* пасти, разилӣ 3. *мн.* **нечистоты** ахлот, мурдорӣ

нечист||ый, -ая, -ое (нечист, -а, -о) 1. нопок, нопокиза, чиркин, ифлос; ҳаром; ~**ый воротник** гиребони чиркин 2. *(с примесью)* ғаш, ғашнок; ~**ая шерсть** пашми ғаш // *(затхлый)* гандида, бадбу, вайрон; ~**ый воздух** ҳавои вайрон // *(о животных)* ғайризотӣ; **собака** ~**ой породы** саги ғайризотӣ 3. *(о звуках речи и т. п.)* вайрон, нобурро; ~**ый выговор** талаффузи вайрон 4. *разг.* ҳарому ҳариш, чала-чулпа; ~**ая работа** кори ҳарому ҳариш 5. ифлос, нопок; ~**ые помыслы** ниятҳои нопок 6. *перен.* бевиҷдон(она), қаллоб(она), нопок; ~**ая карточная игра** қартабозии қаллобона; ~**ая совесть** виҷдони нопок 7. *рел.* ҳаром, мурдор 8. *уст. прост.* ...и ҷину парӣ; ~**ое место** манзили ҷину парӣ 9. *в знач. сущ.* **нечистый** *м прост.* иблис, шайтон, ҷин, аҷина ◇ ~**ый дух**, ~**ая сила** *уст. прост.* дев, иблис, ҷин, аҷина; **на руку нечист** дасташ калб

нечисть *ж собир.* 1. *уст.* ҷину аҷина, арвоҳи нопок 2. *перен. прост.* *(о насекомых и т. п.)* газандаю хазанда 3. *перен* *(о людях)* палидон, ифлосон, разилон

нечленораздельно *нареч.* норавшан, нофаҳмо, нобурро

нечленораздельность *ж* норавшанӣ, нофаҳмоӣ, нобурроӣ, норавшан (нобурро) будан(и); ~ **речи** норавшании нутқ

нечленораздельн||ый, -ая, -ое (нечленораздел|ен, -льна, -льно) норавшан, нофаҳмо, нобурро; ~**ые звуки** овозҳои норавшан

нечто *мест. неопр.* чизе, як чиз; ~ **странное** як чизи аҷиб; ~ **среднее** на ину на он, миёна, як навъ

нечувствительность *ж* беҳиссӣ, карахтӣ, ҳис накардан(и); ~ **к холоду** ҳис накардани хунукӣ

нечувстви́тельн||ый, -ая, -ое (нечувстви́те|лен, -льна, -льно) 1. беҳис, карахт; **~ая ко́жа** пӯсти карахт 2. бедард, бепарво; **~ый к чужо́му го́рю** ба дарди каси дигар бепарво 3. *уст.* номаълум, оҳиста-оҳиста

нечу́тк||ий, -ая, -ое (нечут|ок, -ка́, -ко) 1. карахт; вазнин; **~ие па́льцы** ангуштони карахт; **~ое у́хо** гӯши вазнин 2. номеҳрубон(она), бепарво(ёна); **~ое отноше́ние к кому́-л.** бепарвой нисбат ба касе

нечу́тко *нареч.* номеҳрубонона, бепарвоёна; **~ относи́ться к кому́-л.** ба касе бепарвой кардан

нечу́ткость *ж* 1. карахтӣ, вазнинӣ, вазнин будан(и); **~ слу́ха** вазнинии гуш 2. номеҳрубонӣ, бепарвой; **прояви́ть ~** ғамхорӣ накардан

нешир́ок||ий, -ая, -ое (нешир|о́к, -ока, -о́ко) танг, камбар, васеъ (кушод, фарох) не; **~ая река́** дарьёи камбар

не́што *частица прост.* 1. *(разве, неужели)* магар, оё, ростӣ, ба ростӣ, наход ки 2. *в знач. союза (разве что, разве только)* магар ин ки

нешу́точн||ый, -ая, -ое (нешу́точ|ен, -на, -но) *разг.* ҷиддӣ, шӯхӣ (ҳазл) не; **э́то де́ло ~ое** ин кори ҳазл не

неща́дно *нареч.* 1. бераҳмона, бешафқатона, бе шафқат; **~ хлеста́ть лошаде́й** аспҳоро бераҳмона қамчин задан 2. сахт, бо шиддат, бисьёр; **со́лнце пали́т ~** офтоб сахт месузонад

неща́дный, -ая, -ое (неща́д|ен, -на, -но) 1. бераҳм(она), бешафқат 2. сахт, бисьёр сахт, бошиддат, тоқатфарсо; **~ зной** гармои сахт

неэконо́мно *нареч.* бе сарфа, исрофкорона; **~ расхо́довать горю́чее** сӯзишвориро сарфа накардан

неэконо́мн||ый, -ая, -ое (неэконом|ен, -на, -но) бесарфа, исрофкор; **~ая хозя́йка** соҳибхонаи исроф; **~ая тра́та средств** бе сарфа харҷ кардани маблағ

неэти́чно *нареч.* беадабона

неэти́чный, -ая, -ое (неэти́ч|ен, -на, -но) аз одоб берун, беадабона; **~ посту́пок** рафтори аз одоб берун

нея́вка *ж* ҳозир нашудан(и), наомадан(и), ҳузур надоштан(и)

нея́вственно *нареч.* норавшан, нофаҳмо, номуайян, хира, мубҳам

нея́вственный, -ая, -ое (неявствен, -на, -но) норавшан, нофаҳмо, номуайян, хира, мубҳам

нея́рк||ий, -ая, -ое (нея́р|ок, -ка́, -ко) 1. норавшан, хира, тира; **~ие кра́ски** рангҳои хира 2. *перен.* бенур, безеб, назарногир; бетаъсир; **~ая вне́шность** қиёфаи назарногир

нея́рко *нареч.* норавшан, хира, тира; бетаъсир; **~ све́тит со́лнце** офтоб хира метобад

нея́ркость *ж* норавшанӣ, хирагӣ, тирагӣ; бетаъсир будан(и); **~ кра́сок** хирагии рангубор

нея́сно 1. *нареч.* норавшан, номуайян; **~ писа́ть** норавшан навиштан 2. *безл. в знач. сказ.* нофаҳмост, номафҳум аст; **~, что он ду́мает об э́том** маълум нест, ки вай дар ин бора чӣ фикр дорад

нея́сност||ь *ж* 1. норавшанӣ, равшан (возеҳ) набудан(и); **~ь мы́сли** норавшании фикр 2. чизи номафҳум, номуайянӣ, новозеҳӣ; **~и в те́ксте** ҷойҳои номафҳуми матн

нея́сн||ый, -ая, -ое (нея́с|ен, -на́, -но) 1. норавшан, тира, хира; **~ые очерта́ния** тарҳи норавшан 2. нимғурма; **~ая речь** гапи нимғурма 3. номуайян, нофаҳмо, мубҳам, муғлақ; **~ая мысль** фикри муайян

ни I 1. *частица усил. (в отриц. предложениях)* ҳам; **ни одна́ кни́га не потеря́на** як китоб ҳам гум нашудааст; **на не́бе ни о́блачка** дар осмон абрпорае ҳам нест; **ни на миг** як лаҳза ҳам 2. *частица усил. (после мест. и местоименных наречий)* ки; **кого́ ни спрошу́, никто́ не зна́ет** аз касе ки пурсам, намедонад; **как бы там ни́ было** ҳар чӣ ки бошад, дар ҳар сурат, дар ҳар ҳол; **во что́ бы то ни ста́ло** бо ҳар роҳе ки бошад, ҳатман 3. *частица отриц. (при категорическом приказании или запрещении)* ҳеҷ, ҳаргиз, ҳам; **ни с ме́ста!** ҳеҷ аз ҷой намеҷунбед!; **ни ша́гу да́льше!** дигар ягон қадам ҳам намонед! 4. *союз в отриц. предложениях* **на... на...**; **на не́бе ни ме́сяца, ни звёзд** дар осмон на моҳ ҳасту на ситора; **ни взад, ни вперёд** на ба пеш, на ба ақиб; **ни тот, ни друго́й** на ину на он ◇ **ни-ни** асло, ҳеҷ, ҳаргиз; **вы ку́рите? — Ни-ни** шумо папирос мекашед? — Ҳаргиз не

ни II *(отделяемая в сочет. с предлогом часть местоимений «никто», «ничто», «никакой», «ничей» и уст. «никой»)* ҳеҷ; **ни с кем** бо ҳеҷ кас; **ни о чём** дар бораи ҳеҷ чиз; **ни в ко́ем слу́чае** ба ҳеҷ ваҷҳ

-нибудь *частица неопр. употр. (в сочет. с местоимениями и наречиями)*: **кто́-нибудь** касе; **что́-нибудь** чизе; **когда́-нибудь** гоҳе; **како́й-нибудь** кадоме

ни́в||а *ж* 1. киштзор, мазраа; **колхо́зные ~ы** киштзори колхоз 2. *перен.* арса; **труди́ться на ~е наро́дного просвеще́ния** дар арсаи маорифи халқ кор кардан

нивели́р *м геод.* тароза *(асбоби муайян кардани баландӣ ва пастии сатҳи замин)*

нивели́рование *с (по знач. гл.* **нивели́ровать)** тароза кардан(и); *(по знач. гл.* **нивели́роваться)** баробар шудан(и)

нивели́ровать *сов., несов.* 1. *что геод.* тароза кардан 2. *перен.* баробар кардан, фарқ накардан

нивели́роваться 1. *сов., несов.* баробар шудан 2. *несов. страд.* тароза карда шудан

нивелиро́вка *ж см.* **нивели́рование**

нивелиро́вочн||ый, -ая, -ое *геод.* тароза кардан(и); **~ая ре́йка** чуби тароза

нивелиро́вщик *м* тарозагар

нивелиро́вщица *женск. к* **нивелиро́вщик**

ни́вушка *ж фольк. ласк. к* **ни́ва** 1

нивх *м* нивх; *см.* **ни́вхи**

ни́вхи *мн.* нивхҳо *(номи халқе, ки дар поёноби дарьёи Амур ва ҷазираи Сахалин зиндагӣ мекунад)*

ни́вхка *ж* нивхзан, нивхдухтар, зани (духтари) нивх; *см.* **ни́вхи**

ни́вхский, -ая, -ое нивхӣ, ...и нивх(ҳо); **~ язы́к** забони нивх(ҳо)

нигде́ *нареч.* [дар] ҳеҷ ҷо; **его́ ~ нет** вай дар ҳеҷ ҷо нест

нигили́зм *м* 1. *ист.* нигилизм *(инкори маслаку мафкура, хулқу одоб ва сохти маъмули ҷамъият; асосан дар давраҳои таназзули инкишофи ҷамъият пайдо мешавад)* 2. *книжн.* шаккокӣ

нигили́ст *м* 1. *ист.* нигилист, пайрави нигилизм 2. *книжн.* шаккок

нигилисти́ческ||ий, -ая, -ое *книжн.* нигилистӣ, ...и нигилизм, ...и нигилист; **~ие взгля́ды** ақидаҳои нигилистӣ

нигили́стка *женск. к* **нигили́ст**

нигили́стский, -ая, -ое *см.* **нигилисти́ческий**

нигрози́н *м* нигрозин *(ранги сиёҳи кабудтоб барои чарм ва лок)*

нигро́л *м* нигрол *(равғани мошин)*

нидерла́ндец *м* нидерландӣ; *см.* **нидерла́ндцы**

нидерла́ндка *ж* нидерландзан, нидерланддухтар, зани (духтари) нидерландӣ

нидерла́ндский, -ая, -ое нидерландӣ, ...и нидерландиҳо; ...и Нидерландия; **~ язы́к** забони нидерландӣ

нидерла́ндцы *мн.* нидерландиҳо *(аҳолии асосии Нидерландия)*

нижа́йший, -ая, -ее *уст. превосх. ст. к* **ни́зкий** ◇ **~ покло́н** саломи паём

ни́же 1. *сравн. ст. к* **ни́зкий** *и* **ни́зко**; **он ~ ро́стом** қади вай пасттар аст; **спусти́ться ~** поёнтар фуромадан 2. *предлог с род.* аз... паст(тар), аз... поён(тар); **пять гра́дусов ~ нуля́** аз нуль панҷ дараҷа паст, панҷ дараҷа хунук; **~ сре́днего** аз миёна пасттар; **~ исто́ка реки́** аз сарғаҳи дарьё поёнтар 3. *нареч.* поёнтар, баъд, сонӣ, пасттар; **смотри ~** поёнтар нигоҳ кун *(оид ба матн)* ◇ **~ вся́кой кри́тики** аз бад ҳам бадтар аст; **~ своего́ досто́инства** ба шаъни худ намезебидагӣ; **ти́ше воды, ~ травы** *погов.* ≈ роҳ гардад — замин озор намеёбад; мурчаро озор намедиҳад

ниже- қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «поёнтар»: **нижеизло́женный** дар поён баёншуда; **нижеупомя́нутый** дар поён зикршуда

ниже́ *союз присоед. уст. (даже, ни даже)* ҳатто

нижеизло́женн||ый, -ая, -ое дар поён баёншуда (гуфташуда, зикрьёфта); **~ые фа́кты** санадҳои дар поён гуфташуда

нижена́званный, -ая, -ое дар поён номбаршуда

нижеподписа́вшийся, -аяся, -ееся дар поён имзокарда

нижесле́дующий, -ая, -ее дар поён баёншуда (гуфташуда)

нижестоя́щ||ий, -ая, -ее поёнӣ, поён; **~ая организа́ция** ташкилоти поёнӣ

нижеупомя́нутый, -ая, -ое дар поён зикршуда (қайдшуда)

нижне- қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «поёноб», «поён»:

нижнево́лжский ...и поёни Волга, ...и поёноби Волга

ни́жн||ий, -яя, -ее 1. поён, поёнӣ, зерин; **~ий этаж** ошьёнаи поён; **~яя ступе́нька** зинаи поён 2. поён, ...и поёноб; **~ее тече́ние реки́** поёноби дарьё 3. *(об одежде)* таг; **~ее бельё** либоси таг 4. *муз.* паст, поёнӣ; **~ий регистр** регистри паст ◇ **~яя пала́та** *полит.* палатаи поён; **~ий чин** *уст. воен.* рутбаи поёнӣ, солдат

низ *м* 1. таг, тах, поён, поин, зер; **от ~а до ве́рха** аз поён то боло, аз по то сар 2. *разг. (низовье реки)* поёноб, поёни об 3. *мн.* **низы́** *уст.* омма 4. *мн.* **низы** *муз.* овозҳои паст

низ= (нис=) *приставка сарчаспакест, ки самти ҳаракатро аз боло ба поён ифода мекунад:* **низве́ргнуть** партофтан; **ниспада́ть** ба таг афтидан

низа́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **низа́ть)** шадда (ҳамел) кардан(и); **~ би́сера** ҳамел кардани шабаи майда 2. **низа́нье** шадда; **жемчу́жное низа́нье** шаддаи марворид

низа́ть *несов. что* 1. шадда (ҳамел) кардан; **~ би́сер** шабаи майдаро ҳамел кардан 2. *перен.* қофия бастан; **~ ри́фмы** қофия бастан

низа́ться *несов.* 1. шадда (ҳамел) шудан 2. *перен.* қофиядор шудан 3. *страд.* шадда (ҳамел) карда шудан

низведе́ние *с (по знач. гл.* **низвести́)** фуровардан(и), паст кардан(и)

низверга́ть *несов. см.* **низве́ргнуть**

низверга́ться *несов.* 1. *см.* **низве́ргнуться;** 2. *страд.* сарнагун (вожгун) карда шудан

низве́ргнуть *сов. кого-что книжн.* 1. партофтан, андохтан 2. *перен.* нозил кардан; **~ самодержа́вие** мутлақиятро сарнагун кардан 3. *перен.* паст (беэътибор, беобру) кардан; **~ с пьедеста́ла** аз мансаб фуровардан, аз азамат ва бузургӣ фуровардан

низве́ргнуться *сов. книжн.* нозил шудан

низверже́ние *с (по знач. гл.* **низве́ргнуть** 2) нузул

низвести́ *сов. кого-что* 1. *уст.* нузул кардан 2. *перен. книжн.* фуровардан, паст кардан; **~ с пьедеста́ла** аз мартаба фуровардан ◇ **~ [с не́ба] на зе́млю кого́-л.** *уст.* чашми касеро кушодан, за хаёлоти пуч раҳо кардан

низводи́ть *несов. см.* **низвести́**

низводи́ться *несов. страд.* фуроварда (паст карда) шудан

низи́на *ж* пастӣ, пастхамӣ, заминн паст

низи́нный, -ая, -ое паст, ...и пастӣ, ...и пастхамӣ; **~ уча́сток** қитъаи паст

ни́зка *ж разг.* 1. *см.* **низание** 1; 2. шадда, ҳамел; **~ грибо́в** ҳамели занбуруғ

ни́зк||ий, -ая, -ое (ни́з|ок, -ка́, -ко) 1. паст, пастак; **~ий стол** мизи паст; **~ое строе́ние** иморати паст; **ту́фли на ~ом каблуке́** туфлии пошнапаст; **~ий бе́рег** соҳили паст; **~ая вода́** оби паст 2. суст, паст; **~ое давле́ние** фишори суст; **~ая температу́ра** ҳарорати паст; **~ий у́ровень зна́ний** дараҷаи пасти дониш; **~ая производи́тельность труда́** ҳосилнокии пасти меҳнат 3. пастсифат, паст, бад, ганда; **~ий сорт бума́ги** коғази пастсифат; **~ое ка́чество** сифати паст 4. паст, разил(она); **~ий посту́пок** кирдори паст 5. *уст. (обыденный)* оддӣ, муқаррарӣ 6. *тк. полн. ф. уст.* аз табақаи паст; **~ое сосло́вие** табақаи паст 7. *тк. полн. ф. уст.* оддӣ, миёна, содда; **~ий стиль** услуби оддӣ 8. *муз.* паст; **~ий го́лос** овози паст ◇ **~ий лоб** пешонаи танг; **~ий покло́н** таъзим

ни́зко 1. *нареч.* паст, поин; **~ наги-ба́ться** дуқат шудан; **~ пове́сить ла́мпу** чароғро паст овехтан 2. *нареч.* паст, разилона; **он поступи́л ~** вай разилона рафтор кард 3. *нареч. муз.* паст; **певе́ц взял о́чень ~** хофиз бисьёр паст гирифт 4. *в знач. сказ.* поин (паст) аст; **со́лнце уже́ ~** офтоб аллакай поин фуромад

низко= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои «паст», «поин»:* **низколо́бый** пешонатанг; **низкосо́ртный** пастсифат, навъаш паст

низкові́льтн||ый, -ая, -ое *эл.* паствольт; **~ая дуга́** камони паствольт; **~ая ли́ния** хати паствольт

низкоопла́чиваемый, -ая, -ое каммузд, муздаш кам

низкопокло́нник *м* хушомадгӯй, чоплус, мутамаллиқ, лаганбардор

низкопокло́нничать *несов.* хушомадгӯӣ (чоплусӣ, тамаллуқ, лаганбардорӣ) кардан

низкопокло́нничество *с см.* **низкопокло́нство**

низкопокло́нство *с* хушомадгуӣ, чоплусӣ, тамаллуқ, лаганбардорӣ

низкопро́бн||ый, -ая, -ое (низкопро́б|ен, -на, -но) 1. пастъиёр, камъиёр; **~ое зо́лото** тиллои пастъиёр 2. *перен.* пастсифат, паст, суст; **~ая пье́са** пьесаи суст

низкоро́слый, -ая, -ое (низкоро́сл, -а, -о) қадпаст, пастак, пакана

низкосо́ртный, -ая, -ое пастсифат, ...и навъаш паст; **~ това́р** моли пастсифат

низлага́ть *несов. см.* **низложи́ть**

низлага́ться *несов. страд.* сарнагун (вожгун) карда шудан

низложе́ние *с (по знач. гл.* **низложи́ть)** сарнагун (вожгун) кардан(и); беэътибор кардан(и)

низложи́ть *сов. кого-что книжн.* 1. сарнагун (вожгун) кардан, азл кардан; **~ самодержа́вие** мутлақиятро сарнагун кардан 2. *перен.* паст (беэътибор, беобрӯ) кардан; **~ че́й-л. авторите́т** обрӯи касеро резондан

ни́зменность *ж* 1. *геогр.* пастӣ, пастхамӣ; ҳомун 2. *перен.* пастӣ, разилӣ, разолат, қабеҳӣ, қабоҳат; **~ посту́пков** қабеҳии кирдор

ни́зменн||ый, -ая, -ое (ни́змен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф. геогр.* паст; **~ая ме́стность** маҳалли паст 2. *перен.* паст, разил(она), қабеҳ; **~ые жела́ния** ниятҳои паст

низов||о́й, -а́я, -о́е 1. поёнӣ; **~а́я трава́** алафи поёнӣ 2. ...и поёноб; **~ые города́** шаҳрҳои поёноб 3. поёнӣ; **~ые организа́ции** ташкилотҳои поёнӣ

низо́вье *с* поёноб

ни́зом *нареч.* бо роҳи поён, аз паст

ни́зость *ж* 1. пастӣ, разилӣ, разолат, қабеҳӣ, қабоҳат; **~ посту́пка** қабеҳии кирдор 2. рафтори паст; кори паст; **он гото́в на вся́кую ~** вай аз ҳар кори паст рӯ намегардонад

низри́нуть *сов. кого-что книжн.* 1. ғалтондан, фуру андохтан (ғалтондан) 2. *перен.* сарнагун (вожгун) кардан

низри́нуться *сов. книжн.* худро фурӯ андохтан, худро аз баландӣ партофтан

ни́зш||ий, -ая, -ее 1. *превосх. ст. к* **ни́зкий** 2; **~ая температу́ра го́да** ҳарорати пасттарини сол 2. *превосх. ст. к* **ни́зкий** 3; **~ий сорт бума́ги** коғази пасттарин; **мате́рия ~его ка́чества** матои пастсифаттарин 3. поёнӣ, хурд, паст; **~ая инста́нция** идораи поёнӣ; **~ее зва́ние** унвони хурд 4. содда, оддӣ, паст; **~ие органи́змы** организмҳои содда 5. *уст.* ибтидоӣ 6. *уст.* поёнӣ; **~ее сосло́вие** табақаи поёнӣ

ника́к I *нареч.* ҳеҷ, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба ҳеҷ сурат, ба ҳеҷ ҳол, ба ҳеҷ тадбир; **~ нельзя́** ҳеҷ мумкин нест; **я э́того ~ не пойму́** ман инро ҳеҷ фаҳмида наметавонам ◇ **~ нет** *уст.* не; **как-~** ҳар чӣ ҳам бошад, дар ҳар ҳол

ника́к II *частица прост.* ба назарам, зоҳиран, аз афташ, гӯё; **~ стуча́т?** ба назарам, тақ-тақ карда истодаанд?

никак||о́й, -ая, -о́е *мест. отриц.* 1. ҳеҷ, ҳеҷ як, ҳеҷ кадом; **не остаётся ~их сомне́ний** ҳеҷ шубҳа намемонад; **не име́ть ~о́го представле́ния** ҳеҷ тасаввуроте надоштан; **~и́м о́бразом** ба ҳеҷ ваҷҳ 2. *разг.* ҳеҷ, асло, ҳеҷ не; **~о́й он мне не дя́дя** вай ба ман асло амак намешавад 3. *в знач. прил. разг.* нағз не, суст, ганда; **шахмати́ст он ~о́й** вай шоҳмотбози суст аст ◇ **без ~и́х, и ~и́х** *прост.* бечуну чаро, бегуфтугӯ; **и ~и́х гвозде́й!** *прост.* тамом — вассалом!

ни́келев||ый, -ая, -ое никелӣ, ...и никель, никельдор; никельандуд; **~ая промы́шленность** саноати никель; **~ая руда́** маъдани никельдор

никели́н *м* никелин (1. *мин. маъдани никельдор — колчедани никелии сурх* 2. *сплав — хӯлаи мису никель)*

никелирова́ние *с см.* **никелиро́вка** 1

никелиро́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* никель андуда 2. *прил.* никельандуд; **~ая крова́ть** кровати никельандуд

никелирова́ть *сов., несов. что* никельандуд кардан; **~ посу́ду** зарфро никельандуд кардан

никелирова́ться *несов. страд.* никельандуд карда шудан

никелиро́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **никелирова́ть)** никельандуд кардан(и); **~ дета́лей** никельандуд кардани детальҳо 2. никель, қабати никель; **~ ча́йника потускне́ла** никели чойник хира шудааст

никелиро́вочный, -ая, -ое ...и никельандуд кардан(и)

нйкель *м хим.* никель *(элементи химиявӣ, металл)*
никем *тв. от* **никто́**
ни́кл||ый, -ая, -ое *разг.* пажмурда, партшуда; ~**ые цветы́** гулҳои пажмурда
ни́кн||уть *несов.* 1. *(о растениях)* пажмурда шудан // *перен.* *(о человеке)* заиф (суст) шудан 2. *перен.* паст (хира) шудан; **свет** ~**ет** рушноӣ хира шуда истодааст
никогда́ *нареч.* ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ вақт, ҳаргиз, дар ҳеҷ сурат, абадан; **я** ~ **не соглашу́сь с ним** ман ҳеҷ гоҳ ба гапҳои вай розӣ намешавам; **тепе́рь и́ли** ~ ҳозир ё ҳеҷ гоҳ; **лу́чше по́здно, чем** ~ *погов.* ≈ дер ояд, дуруст ояд; дер ояду шер ояд ◇ **как** ~ хеле, бисьёр
никого́ *род., вин. от* **никто́**
нико́й: нико́им о́бразом, ни в ко́ем слу́чае ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба ҳеҷ тариқ, дар ҳеҷ сурат
никола́евка *ж уст.* 1. *разг.* *(денежный знак)* пули Николай *(пули даври подшоҳии Николаи* II) 2. *прост.* *(водка)* арақ
никоти́н *м* никотин, заҳри тамоку
никоти́нный, -ая, -ое *см.* **никоти́новый**; ~ **за́пах** буи никотин
никоти́нов||ый, -ая, -ое никотинӣ, ...и никотин; ~**ая кислота́** кислотаи никотин
никото́рый, -ая, -ое *мест. отриц.* ягонтоаш ҳам, ҳеҷ кадомаш
никто́ (никого́, никому́, никого́, нике́м, ни о ком) *мест. отриц.* 1. ҳеҷ кас, ҳеҷ кӣ, ягон кас ҳам; ~ **из прису́тствующих** аз ҳозирон ягон кас ҳам; ~ не узнает ҳеҷ кас намефаҳмад; **никого́ не́ было до́ма** дар хона ҳеҷ кас набуд; **его́ нике́м нельзя замени́ть** ҷои уро касе гирифта наметавонад; **он ни о ко́м не спра́шивал** вай дар бораи касе напурсидааст 2. *в знач. сущ.* **никто́** *м разг.* оҷиз, ҳақир, каси беқадру эътибор, як пула одам; **он** ~ ягон қадру эътибор надорад 3. *в знач. сущ.* **никто́** *м нескл.* *кому разг.* ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ; **он мне** ~ вай ба ман ҳеҷ чӣ намешавад ◇ ~ **друго́й** ҳеҷ кас ба ғайри...
никуда́ *нареч.* ба ҳеҷ куҷо, ба ҳеҷ ҷо; **мне** ~ **не хо́чется идти́** ман ба ҳеҷ ҷо рафтан намехоҳам ◇ ~ **не го́дный**, ~ **не годи́тся** ба ҳеҷ дарде даво шуда наметавонад
никуды́шный, -ая, -ое *прост.* ношоям, бекора, беҳуда; ~ **челове́к** одами бекора
никчёмность *ж разг.* ношоям (нодаркор, беҳуда) будан(и); зиёдатӣ (бефоида) будан(и)
никчёмн||ый, -ая, -ое (никчём|ен, -на, -но) *разг.* ношоям, бекора, нодаркор, беҳуда; зиёдатӣ, бефоида; ~**ая вещь** чизи нодаркор; ~**ые разгово́ры** гапҳои беҳуда
ним *мест. личн.* *(употр. после предлога)* 1. *тв. от* **он**, **оно́**; за ~ аз паи у, аз паси вай; **над** ~ дар болои у (вай); **перед** ~ дар назди у (вай); **под** ~ дар таги вай 2. *дат. от* **они́**; **к** ~ ба пеши онҳо
нима́ло *нареч.* ҳеҷ, асло; **одно́ друго́му** ~ **не меша́ет** яке ба дигаре ҳеҷ халал намерасонад
нимб *м* 1. ҳока *(нури доирашакли гирди сар дар иконаҳои насронӣ, ҳайкалҳои антиқӣ ва ғ.)* 2. *перен.* нур, авҷ; ~ **сла́вы** авҷи шуҳрат ◇ ~ **луны́** ҳолаи моҳ
ни́ми *мест. личн. тв. от* **они́** *(употр. после предлога)*; **за** ~ аз паи (аз паси) онҳо; **над** ~ дар болои онҳо; **перед** ~ дар назди онҳо; **под** ~ дар таги онҳо; **с** ~ бо онҳо
ни́мфа *ж* 1. *миф.* парӣ; **лесна́я** ~ парии беша; **морска́я** ~ парии баҳр 2. *зоол.* зочаи ҳашарот
нио́бий *м хим.* ниобий *(элементи химиявӣ, металл)*
ниотку́да *нареч.* аз ҳеҷ куҷо, аз ҳеҷ ҷо; ~ **нет весте́й** аз ҳеҷ куҷо хабар нест
нипочём *нареч. разг.* 1. ниҳоят арзон, муфт, тегин; **про́дал** ~ ниҳоят арзон фурухтааст; **фру́кты там** ~ дар он ҷо мева ниҳоят арзон 2. *в знач. сказ. для кого или кому-чему* бисьёр осон, ҳеҷ гап не; **моро́зы ему́** ~ сармо ба вай ҳеҷ таъсир намекунад; **ему́ всё** ~ вай ҳеҷ парво надорад 3. *прост.* ҳеҷ, ба ҳеҷ ваҷҳ, сло; **он** ~ **не упу́стит тако́й слу́чай** вай ин хел фурсатро асло аз даст намедиҳад
ни́ппель *м* ниппель *(детали пайчамонанд барои пайвастани қубур, шланг ва ғ.)*; **велосипе́дный** ~ ниппели велосипед
ни́ппельный, -ая, -ое ниппелӣ, ...и ниппель
нирва́н||а *ж* нирвана *(дар буддоия камолоти олами ботинӣ, адами ҳама гуна майлу ҳавас, қаноати комил ва мутлақан парҳез кардан аз олами берунӣ)* ◇ **погрузи́ться в** ~**у** ба роҳату фароғат дода шудан
нис= *приставка префиксе, ки ба ҷои «низ» пеши аз ҳамсадоҳои беҷаранг кор фармуда мешавад:* **нисходя́щий** камшаванда, пастшаванда; *см. тж.* **низ=**
ниско́лько *нареч.* ҳеҷ, ҳеҷ не, ҳаргиз не, асло не; **всё э́то его́** ~ **не интересу́ет** ҳамаи ин диққати уро ҳеҷ ҷалб намекунад
ниспада||ть *несов. книжн.* 1. ба таг афтидан, фуру ғалтидан, фуруд омадан, фуру рехтан 2. овезон шудан, ба поён кашол шудан; **во́лосы** ~**ют на плёчи** муй ба китф овезонаст
ниспа́сть *сов. см.* **ниспада́ть**
ниспосла́ние *с* *(по знач. гл.* **ниспосла́ть**) *уст.* ато кардан(и)
ниспослать *сов. кого-что книжн.* ато кардан
ниспосыла́ть *несов. см.* **ниспосла́ть**
ниспровергать *несов. см.* **ниспрове́ргнуть**
ниспроверга́ться *несов. страд.* ғалтонда шудан; сарнагун (вожгун) карда шудан
ниспрове́ргнуть *сов. кого-что книжн.* 1. ғалтондан, чаппагардон кардан, афтондан 2. *перен.* сарнагун (вожгун) кардан 3. *перен.* *(развенчать)* фош кардан, беэътибор кардан
ниспроверже́ние *с* *(по знач. гл.* **ниспрове́ргнуть** 2, 3) сарнагун (вожгун) кардан(и); беэътибор кардан(и)
нисходя́щ||ий, -ая, -ее камшаванда, пастшаванда, сустшаванда ◇ ~**ая интона́ция** *лингв.* оҳанги пастшаванда; ~**ее ударе́ние** *лингв.* задаи поинрав
нитеви́дн||ый, -ая, -ое (нитеви́д|ен, -на, -но) ришташакл, риштамонанд, ришта барин, ресмоншакл; ~**ые че́рви** кирмҳои ришташакл ◇ ~**ый пульс** *мед.* набзи бисьёр суст
ни́т||ка *ж* 1. ришта, ресмон, нах, тор; **кату́шка** ~**ок** ғалтаки ресмон; **вдеть** ~**ку в иго́лку** ба сузан ресмон гузарондан; **с ми́ру по** ~**ке — го́лому руба́шка (руба́ха)** *погов.* ≈ қатра-қатра дарьё шавад 2. шадда, ҳамел; ~**ка жёмчуга** шаддаи марворид; **кора́лловая** ~**ка** шаддаи марҷон 3. *перен.* тарҳ; ~**ка реки́** тарҳи дарьё ◇ **до** [**после́дней**] ~**ки** тамоман, бутун, сар то по; **промо́кнуть до** [**после́дней**] ~**ки** шип-шилта шудан; **на живу́ю** ~**ку** нуғидастӣ, нимкора, чала-чулпа; [**ни одно́й**] **сухо́й** ~**ки нет на ком** тамоман тар шуд, ягон ҷои хушкаш намондааст; **бе́лыми** ~**ками ши́то** мисаш аён аст
ни́точ||ка *ж* 1. *уменьш. к* **ни́тка**; 2. *уменьш. к* **нить** 3. ◇ **висе́ть (держа́ться) на** ~**ке** ба муе овезон будан, дар болои қил истодан; **по** ~**ке разобра́ть** муфассал дида баромадан, му ба му тафтиш кардан; **ходи́ть по** ~**ке** *у кого* бо хати кашидаи касе роҳ рафтан
ни́точн||ый, -ая, -ое ...и ришта, ...и ресмон, ...и риштаресӣ; ~**ое произво́дство** корхонаи риштаресӣ; ~**ые кату́шки** ғалтакҳои ресмон
нитра́т *м* нитрат *(ҳосилаи кислотаи нитрат)*
нитра́тный, -ая, -ое нитратӣ, ...и нитрат, нитратдор
нитри́т *м* нитрит *(намаки кислотаи нитрат)*
нитро= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «нитрат», «нитратӣ»*: **нитроглицерин** нитроглицерин; **нитрокра́ска** рангубори нитратӣ
нитроглицери́н *м* нитроглицерин *(эфири глицерин ва кислотаи нитрат)*
нитроглицериновый, -ая, -ое ...и нитроглицерин, нитроглицеринӣ
нитрокраси́тели *мн.* *(ед.* **нитрокраси́тель** *м)* *хим.* рангубори синтетикӣ
нитрокра́ска *ж* рангубори нитратӣ
нитрон *м* нитрон *(номи тиҷории нахи полиакрилонитрилӣ, ки дар СССР истеҳсол карда мешавад)*
нитча́тка *ж* 1. *бот.* риштаалаф, обсабзаи риштамонанд 2. *зоол.* ришта
ни́тчат||ый, -ая, -ое 1. *уст.* ресмонӣ, аз ресмон бофташуда 2. *(дар таркиби баъзе номҳои зоологи ва ботаники)* риштамонанд, ресмонмонанд; ~**ые че́рви** кирмҳои риштамонанд; ~**ые водоро́сли** обсабзаҳои риштамонанд
нит||ь *ж* 1. ришта, ресмон, нах, тор; ~**и осно́вы** *текст.* нахҳои тор; ~**и утка́** *текст.* нахҳои пуд 2. *перен.* симча; тор; ~**ь электри́ческой ла́мпы** сим-

чаи лампаи электрик; **нéрвные ~и** торҳои асаб 3. *перен.* рабт, ришта; **потерять ~ь разговора** риштаи суханро гум кардан; **~ь воспоминаний** риштаи (силсилаи) хотирот ◇ **арнаднина ~ь** *книжн.* риштаи Ариадна *(кинояаз асотири юнониёни кадим, ки духтари шоҳи Минос Ариадна ба Тесей ном баҳодур як калоба ришта медиҳад ва у нуки риштаро ба дари лабиринт баста ба даруни он медароёду деви бадҳайбат Минотаврро мекушад ва риштаро дошта роҳи баромадро меёбад; маҷозан роҳнамо, роҳбалад)*; **путеводная ~ь** роҳнамо; **проходить красной ~ью** барҷаста намоён будан, фикри (гояи) асосӣ будан

нитян||ый, -ая, -ое ресмони, аз ресмон бофташуда; **~ые перчатки** дастпӯшаки ресмони

них *мест. личн. род., предл. от* **они** *(употр. после предлога)*

нихрóм *м* нихром *(хулаи никель, оҳан ва хром)*

нихрóмовый, -ая, -ое нихромӣ, ...и нихром

ниц *нареч. уст.* ру ба замин, саҷда карда; **пасть ~** саҷда кардан, рӯ ба замин ниҳодан, замин бусидан

ницшеáнец *м* пайрави фалсафаи Ницше

ницшеáнский, -ая, -ое ...и пайрави фалсафаи Ницше

ницшеáнство *с филос.* ницшечиги *(равияи фалсафаи давраи империализм, ки яке аз сарчашмаҳои идеологияи фашизм ба ҳисоб меравад)*

ничегó I *разг.* 1. *нареч.* дуруст, бад не, нағз, як навъ; **как поживаете? — Ничегó** аҳволатон чӣ тавр? — Бад не; **я чýвствую себя ~** аҳволам нағз 2. *в знач. сказ.* ҳеҷ гап не, ҳеҷ воқеа не; **простите, я вас толкнýл.— Ничегó** бубахшед, ман шуморо тела додам.— Ҳеҷ гап не // *кому* аҳамият (зарар) надорад, ҳеҷ чиз не, ҳеҷ гап не; **все устáли, а емý ~** ҳама монда шуданд, аммо ба вай ҳеҷ чиз нашуд

ничегó II *мест. отриц. род. от* **ничтó**

ничегонеделáние *с разг.* бекорӣ, бекорагардӣ, бекорхучагӣ

нич||éй, -ья, -ьё *мест.* 1. *отриц.* аз они ҳеҷ кас не, бесоҳиб; **~ьй вéщи** чизҳои бесоҳиб 2. *неопр.* ҳеҷ кас; **он не слýшает ~ьих совéтов** вай маслиҳати ҳеҷ касро гуш намекунад

ничéйн||ый, -ая, -ое 1. *см.* **ничéй** 1; 2. *спорт.* дуранг; **~ая пáртия** бозии дуранг

ничéм *мест. отриц. тв. от* **ничтó** 1

ничемý *мест. отриц. дат. от* **ничтó** 1

ничкóм *нареч.* руйнокӣ, ру ба замин, пару

ничтó (ничегó, ничемý, ничéм, ни о чём) *мест. отриц.* 1. ҳеҷ, ҳеҷ чиз; **егó ~ не интересýет** ҳеҷ чиз диққати уро ҷалб намекунад; **э́то ничемý не угрожáет** ин ба ҳеҷ чиз (ба чизе) таҳдид намекунад; **он ничéм не помóжет** вай ҳеҷ кумак расонда наметавонад; **ни о чём не дýмать** ҳеҷ фикр накардан 2. *в знач. сущ.* **ничтó** *с нескл.* оҷиз, ҳақир; ночиз; **превратиться в ~** ҳеҷ шудан, гум шудан ◇ **ничегó подóбного** ба ҳеҷ ваҷҳ; асло; ҳеҷ ин тавр нест; **всегó ничегó** бисьёр кам; **рóвным счётом ничегó** ҳеҷ, ҳеҷ чиз; **ничегó не знáчить** ҳеҷ аҳамият надоштан; **ничегó не подéлаешь (не попишешь)** чӣ кор ҳам мекардӣ; илоҷе нест; **ничегó не скáжешь** дар воқеъ, вокеан, гуфтагӣ барин; **ничегó не стóит** *кому с неопр.* ҳеҷ гап нест, ҳеҷ чиз нест, кори саҳл (осон) аст; **из ничегó сдéлать (получить)** аз ҳеҷ чиз кардан, аз ҷои нест хосил кардан; **кóнчить(ся) ничéм** бе натиҷа тамом кардан (шудан)

ничтóже: ~ сумня́ся (сумня́шеся) *уст. теперь шутл.* бе ҳеҷ шакку шубҳа, бо камоли эътимод, ҳеҷ фикру андеша накарда

ничтóжество *с* 1. ночизӣ, оҷизӣ, ҳақирӣ 2. одами ҳақир (ночиз, оҷиз)

ничтóжно *нареч.* камакак, хеле кам, ночиз; **~ мáло** хеле кам

ничтóжность *ж* 1. ниҳоят кам будан(и); **~ сýммы** ниҳоят кам будани миқдори пул 2. беаҳамият (камаҳамият) будан(и) 3. *см.* **ничтóжество** 2

ничтóжн||ый, -ая, -ое (ничтóж|ен, -на, -но) 1. ночиз, ниҳоят кам, наарзанда; **~ая часть** қисми (хиссаи) ночиз; **~ое количество** миқдори ночиз 2. беаҳамият, камаҳамият; хушку холӣ; **~ая причина** сабаби беаҳамият; **~ая болтовня́** сафсатаи хушку холӣ // *(о человеке)* ҳақир, оҷиз, ночиз

ничýть *нареч. разг.* ҳеҷ, ягон қадар, заррае; **он ~ не похудéл** вай ҳеҷ хароб нашудааст ◇ **~ не бывáло** асло не, ҳаргиз

ничь||я́ *ж спорт.* дуранг; **согласиться на ~ю** ба дуранг розӣ шудан

ниша *ж* токча, тоқ, таҳмон; **дверная ~** ҷои дар; **~ окнá** ҷои тиреза

нишкнýть *сов. обл.* ҷим (хап, дам) шудан

нищáть *несов.* ғадо (соил, фақир, бенаво, қашшоқ, мискин) шудан

нищенка *ж* гадойзан

нищенск||ий, -ая, -ое 1. ...и гадо, ...и соил, ...и қашшоқ, гадоёна, қашшоқона; **~ая одéжда** либоси гадо; **~ая сумá** тӯрбаи гадоӣ; **~ое существовáние** зиндагии қашшоқона 2. *перен.* ниҳоят кам, ночиз

нищенство *с* 1. гадоӣ, соилӣ, садақаталабӣ; **занимáться ~м** соилӣ кардан 2. гадоӣ, фақирӣ, бенавоӣ, қашшоқӣ, мискинӣ

нищенствовать *несов.* 1. гадоӣ (соилӣ, садақаталабӣ) кардан 2. қашшоқона умр ба сар бурдан

нищет||á *ж* 1. фақирӣ, қашшоқӣ, бенавоӣ, мискинӣ; **жить в ~é** қашшоқона умр ба сар бурдан 2. *собир. разг.* гадоён, соилон, фақирон, бенавоён

нищ||ий, -ая, -ее (нищ, -а, -е) 1. *прил. и в знач. сущ.* **нищий** *м*, **нищая** *ж* гадо, соил, садақаталаб; **~ий старик** муйсафеди гадо 2. фақирона, қашшоқона, бенавоёна, мискин; **~ая обстанóвка** бисоти қашшоқона

но I *союз против.* 1. аммо, лекин, вале, балки, ҳам; **не тóлько там, но и здесь** на фақат дар он ҷо, дар ин ҷо ҳам; **я соглáсен, но не во всём** ман розӣ, лекин на ба ҳамааш 2. *в знач. сущ.* **но** *с нескл.* монеа, душворӣ; **тут есть мáленькое «но»** дар ин ҷо як монеа ҳаст

но II *межд. (для понукания лошадей)* чу *(нидо барои тез гардонидани асп)*

нобилитéт *м ист.* аъёну ашроф, нобилитет *(табақаи болоӣ дар Рими Қадим)*

новáтор *м* навовар; **~ы произвóдства** навоварони истеҳсолот

новáторск||ий, -ая, -ое ...и навовар, ...и навоварӣ, навоварона; **~ое предложéние** таклифи навоварона

новáторство *с* навоварӣ, навоварона будан(и); **~ в тéхнике** навоварӣ дар техника

новéйш||ий, -ая, -ее *превосх. ст. к* **нóвый** 1; **~ие достижéния** комьёбиҳои навтарин

новéлла *ж лит.* новелла

новеллист *м* новелланавис

новеллистический, -ая, -ое ...и новелла

нóвенький, -ая, -ое 1. *ласк. к* **нóвый** 1; **~ портфéль** портфели нав 2. *в знач. сущ.* **нóвенький** *м*, **нóвенькая** *ж разг.* навкор, навшогирд, навьёдгир

новизнá *ж* 1. навӣ; **~ дéла** навии кор; **~ мыслей** навии фикрҳо 2. навигарӣ, чизи нав

новик *м* 1. *ист.* навкар *(дар давлати Москва дар асрҳои 16—17)* 2. *уст.* *(новичок)* навкор, навшогирд, навьёдгир

новинá *ж обл.* 1. *(новость)* навигарӣ, хабари тоза 2. *(новь, целина)* замини ялм, замини бӯз 3. *(хлеб нового урожая)* ҳосили нав, ғаллаи ҳосили нав 4. *(холст)* карбос

новинк||а *ж* чизи нав (тоза, навбаромад); **книжные ~и** китобҳои нав ◇ **в ~у** аввалин бор, чизи нав; **для негó всё бы́ло в ~у** барои вай ҳамааш чизи нав буд

новичóк *м* навкор, навшогирд, навьёдгир; **он ~ в э́том дéле** вай дар ин касб навьёдгир аст

ново- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои «нав», «якумин», «аввал»*: **нововведéние** навигарӣ, навӣ, тартиботи (коидаи) нав

новобрáнец *м* аскари нав

новобрáчный, -ая, -ое *и в знач. сущ. м, ж* навхонадор, навникоҳ

нововведéние *с* навигарӣ, навӣ, тартиботи (қоидаи) нав

новогóдн||ий, -яя, -ее солинавӣ, ...и Соли Нав; **~яя ёлка** арчаи солинавӣ; **~ие поздравлéния** табрикҳои солинавӣ

новозавéтный, -ая, -ое *рел.* ...и Аҳди Ҷадид

новозелáндец *м* марди Зеландияи Нав; *см.* **новозелáндцы**

новозелáндка *ж* зани (духтари) Зеландияи Нав; *см.* **новозелáндцы**

новозелáндский, -ая, -ое ...и Зеландияи Нав

новозелáндцы *мн.* аҳолии Зеландияи Нав

новоиспечённый, -ая, -ое *шутл.*,

ирон. нав аз танур кандагӣ; гармакак; ~ **проект** лоиҳаи нав аз танур кандагӣ

новолу́ние *с* моҳи нав; ҳилол; **насту́пило** ~ моҳ нав шуд

новомо́дн||ый, -ая, -ое (новомод|ен, -на, -но) 1. аз руи муди нав [духташуда] 2. нав расмшуда; ~**ое сло́во** калимаи нав расмшуда

новонаречённый, -ая, -ое 1. *уст.* нав ном додашуда (мондашуда) 2. *церк.* нав унвонгирифта; ~ **епископ** епископи нав унвонгирифта

новообразова́ни||е *с* 1. навпайдошавӣ, пайдошавии шаклҳои нав; ~**е минера́лов** навпайдошавии минералҳо 2. чизи нав пайдошуда, шакли нав пайдошуда; ~**я в лёгких** чизҳои дар шуш нав пайдошуда

новообращённый, -ая, -ое *книжн. прил. и в знач. сущ.* **новообращённый** *м*, **новообращённая** *ж* навдин, навмаслак, навмазҳаб

новопоселе́нец *м* навомада, сокини нав, муҳоҷири нав

новопреста́вленный, -ая, -ое *и в знач. сущ. м, ж церк.* мурда, марҳум

новоприбы́вший, -ая, -ее навомада

новоприе́зжий, -ая, -ее *и в знач. сущ. м, ж* навомада

новорождённый, -ая, -ое навзод, нав зоидашуда (таваллудшуда) // *в знач. сущ.* **новорождённый** *м*, **новорождённая** *ж* навзод

новосёл *м* навомада, сокини нав

новосе́лье *с* 1. *(место)* манзили (хонаи, маскани) нав 2. *(празднество)* бурьёкубон *(зиёфат)*

новостро́йк||а *ж* 1. сохтмони нав; **рабо́тать на** ~**е** дар сохтмони нав кор кардан 2. иморати нав; **жить в** ~**е** дар иморати нав зиндагонӣ кардан

но́вост||ь *ж* 1. навӣ, навигарӣ; ~**и нау́ки и те́хники** навигариҳои илм ва техника 2. хабари нав (тоза), навигарӣ; **после́дние** ~**и** хабарҳои охирин ◇ **вот [ещё]** ~**ь (**~**и)!, что за** ~**ь (**~**и)!** ана халос!, боз ин чӣ гап!

новотёл *м с.-х.* навзоида, навзой

новоте́льн||ый, -ая, -ое *с.-х.* навзоида (навзой); ~**ая коро́ва** гови навзой

новоя́вленный, -ая, -ое *ирон.* навбаромад, навҳузур; ~ **учёный** олими навбаромад

но́вшество *с* навигарӣ

но́в||ый, -ая, -ое (нов, -а́, -о) 1. нав, тоза, навбаромад; ~**ое пла́тье** куртаи нав; **он здесь** ~**ый челове́к** вай дар ин ҷо одами нав аст; **учебник по** ~**ой исто́рии** китоби дарсии таърихи нав; ~**ая метла́ чи́сто метёт** *посл.* ≈ кузаи наву оби хунук 2. *в знач. сущ.* **но́вое** *с* чизи нав, навӣ, навигарӣ; **борьба́** ~**ого со ста́рым** муборизаи байни наву кӯҳна 3. *в знач. сущ.* **но́вое** *с* хабари нав, навӣ, навигарӣ; **что** ~**ого?** чӣ навигариҳо? ◇ **Но́вый год** Соли Нав; **Но́вый заве́т** *рел.* Аҳди Ҷадид, Инҷил; ~**ый ме́сяц** моҳи нав; ҳилол; **Новый Свет** *уст.* Дунъёи Нав, Америка; ~**ое слово** кашфиёти нав; ~**ый стиль** *(система летосчисления)* тақвими (солшумории) нав; ~**ая экономическая политика (нэп)** сиёсати нави иқтисодӣ (нэп); **вот [ещё]** ~**ое де́ло!** ана боз гапи нав!, ана халос!

новь *ж* 1. замини ялм, замини бӯз 2. *обл.* ҳосили нав, ғаллаи ҳосили нав

ног||а́ *ж* 1. по, пой; **пра́вая** ~**а** пои рост; **наступи́ть кому́-л. на но́гу** пои касеро зер кардан; **сбить с ног** аз по афтодан; **вскочи́ть на но́ги** ҷаста хестан; **устоя́ть на** ~**а́х** нағалтида истодан; **гляде́ть под но́ги** ба таги по нигоҳ кардан; **перева́ливаться с** ~**и́ на но́гу** калавида-калавида роҳ рафтан; **на бо́су но́гу** бо пои луч; **дурна́я голова** ~**ам поко́я не даёт** *посл.* ≈ ҷони нодон дар азоб; **во́лка но́ги ко́рмят** *посл.* ризқи гург дар пояш 2. *(мебели и т. п.)* поя, пой; **стол на трёх** ~**а́х** столи сепоя ◇ **деревя́нная** ~**а** пои чубин; **без [за́дних] ног** *прост.* аз по монда, бисьёр шалпар шуда; **на** ~**ах** 1) дам нагирифта, нанишашта 2) бедор, нахобида; **все уже́ бы́ли на** ~**ах** ҳама аллакай бедор буданд 3) дар ташвиш, дар даводавӣ; **она́ с утра́ до ве́чера на** ~**ах** вай аз субҳ то шом дар ташвиш аст 4) сиҳат шуда; **че́рез неде́лю он был уже́ на** ~**ах** баъд аз як ҳафта ӯ сиҳат шуда буд 5) нахобида; **на** ~**ах перенести́ боле́знь** нахобида аз касалӣ сиҳат шудан; **вверх** ~**а́ми** 1) сарнагун, чаппа-роста, тагу рӯ 2) чаппагардон, вожгун(а); баръакс; **с головы́ до ног** [аз] сар то по, сар то по, сар то қадам, саросар, комилан; **со всех ног** *(броситься, побежать)* бисьёр тез *(давидан, тохтан)*; **с рука́ми и [с]** ~**а́ми, с рука́ми-**~**ами** 1) бо ҷону дил 2) тамоман, комилан; **лёгок (скор) на но́гу** қадамаш сабук, тезгард; **одна́** ~**а́ здесь, друга́я — там** бисьёр тез, шамол барин; ~**а́ не ступа́ла** *кого, чья, где, куда* ҷои қадам нарасида; **но́ги не де́ржат** *кого* мадори поям рафт; **но́ги подкоси́лись у меня (у него́)** мадори поям (пояш) намонд (рафт); **на** ~**а́х не стои́т (недержится)** ба по истода наметавонад; **быть на коро́ткой (на дру́жеской)** ~**е́** *с кем* ошнои наздик будан, ҷӯра будан; **вали́ть (свали́ть) с ног** *кого* 1) аз по ғалтондан 2) беҳуш кардан, гаранг кардан; **вали́ться (па́дать) с ног** аз по мондан (афтидан), бисьёр шалпар шудан; **валя́ться в** ~**а́х** *у кого* илтимос кардан; зорӣ (илтиҷо, тавалло) кардан; **верте́ться под** ~**а́ми** *у кого* дар таги по ҷӯлида гаштан, ба *касе* халал расондан; **встать с ле́вой** ~**и́** ба дасти чап хестан; **выбива́ть по́чву из-под ног кого́-л., чьих-л., у кого́-л.** касеро маҳруми эътимод (мавқеъ) кардан; **дава́й бог но́ги** бо тамоми қувват давидан, ҷуфтак кашида гурехтан; **дать (взять) но́гу** баробар қадам партофтан; **едва́ держа́ться на** ~**а́х** ба зӯр ба по истодан; **едва́ но́ги носи́ть (таска́ть, волочи́ть)** ба зӯр гаштан, пойро ба зур кашола кардан; **едва́ но́ги унести́** ба зур гурехта халос шудан; **[ещё] кре́пок на нога́х** 1) чандон пир не 2) он қадар ҳам маст не, ниммаст, ширакайф; **жить на широ́кую (большу́ю, ба́рскую) но́гу** *уст.* бо фароғат зистан; гул хурда, гул пӯшидан; **земля́ ухо́дит из-под ног** *кого, у кого* осмон ба сараш фуру рафт; **идти́ [**~**а́] в но́гу** 1) *с кем* баробар қадам партофтан 2) *с кем-чем* баробар (ҳампо) будан; **идти́ (плести́сь, тащи́ться)** ~**а́ за́ ногу** бисьёр суст гаштан; **кла́няться (поклони́ться) в но́ги** *кому* зорӣ кардан, сар хам кардан; **ле́вой** ~**о́й сде́лать что́-л.** кореро сарам-дилам кардан; **мое́й** ~**и́ здесь не бу́дет** ба ин ҷо дигар қадамам намерасад, ин ҷоро пушти сарам бинад; **не слы́шать (не чу́вствовать, не чу́ять) ног под собо́й** 1) тез давидан 2) аз по мондан, бисьёр шалпар шудан 3) аз шодӣ ба куртаи худ нағунҷидан; **ни в зуб [**~**ой]** *прост.* алифро калтак мегуяд; **па́дать в но́ги** *кому* илтиҷо кардан, таваллою зорӣ кардан; **поста́вить (организова́ть) на широ́кую но́гу** васеъ ташкил кардан, ба роҳ мондан; **поста́вить (подня́ть) на но́ги** 1) сиҳат кардан 2) тарбия кардан, ба воя расондан 3) ба ҳаяҷон овардан, ошуфта кардан; **почу́вствовать по́чву под** ~**а́ми** тарафдор (мададгор) ёфтаи (доштан); **припада́ть к** ~**а́м (к стопа́м)** *кого́-л., чьи́м-л. уст. книжн.* пеши пои касе афтодан, побусӣ кардан; **протяну́ть но́ги** *прост.* мурдан; **сби́ться с** ~**и́** қадаммониро бетартиб кардан; **сби́ться с ног** аз по мондан; **свали́ть с ног** *кого* 1) аз по афтондан 2) беҳуш кардан; **связа́ть (спу́тать) по рука́м и [по]** ~**а́м** *кого́-л.* дасту пои касеро бастан; **слета́ть на одно́й** ~**е́** *прост.* тез рафта омадан; **стать (встать, подня́ться) на́ ноги** 1) сиҳат шудан 2) мустақил шудан 3) ба по хестан; зиндагии худро дуруст кардан; **стоя́ть на свои́х [со́бственных]** ~**ах** мустақил будан; **стоя́ть одно́й** ~**о́й в моги́ле (в гробу́)** пой ба лаби гур расидан; **теря́ть по́чву из-под ног (под** ~**а́ми)** ба таки касе об рафтан; **хрома́ть на о́бе** ~**и́** пой қаҷ гузоштан; ба ҳар ду по лангидан; **чего́ моя́ (твоя́** *и т. п.*) **[ле́вая]** ~**а́ хо́чет** хости худро мекунад; **[сам] чёрт но́гу сломит** *прост.* сари хисоби ин кор гум; **чтоб** ~**и́ твое́й (его** *и т. д.*) **не́ было** *где* қадами ту *(вай ва ғ.)* сӯзад, қадами ту (вай *ва ғ.*) бори дигар ин ҷойҳоро набинад

нога́ец *м* нуғай

нога́йка *ж* нуғайзан, нуғайдухтар, зани (духтари) нуғай

нога́йский, -ая, -ое ...и нуғай, нуғайӣ; ~ **язы́к** забони нуғайӣ

нога́йцы *мн.* нуғайҳо

ногови́цы *мн.* (*ед.* **ногови́ца** *ж*) соқи пойафзол

ного́тки *бот.* хуҷаста

ного́ток *м уменьш.-ласк. к* **но́готь**; ~ **увя́з — всей пти́чке пропа́сть** *посл.* ≈ дили одаткарда — балои ҷон ◇ **с** ~ пастак, хурдакак, нуги нохуи барин

но́г||оть *м* нохун ◇ **с** ~**оть** хурдтарак, хурдакак; майдаяк; нуги нохун барин; **до ко́нчиков** ~**те́й** тамоман; ~**тя чьего́-л. не сто́ить** ба нохуни пои касе наарзидан

ногтево́й, -а́я, -о́е ...и нохун, ...и нохунгирӣ, ...и нохунтозакунӣ

ногтоеда *ж разг.* нохунхӯрак (*касалии нохун*)

ноев, -а, -о: ~ **ковчег** 1) *миф.* (*Н прописное*) киштии Нӯҳ 2) киштии (аробаи) шалақи кӯҳна

нож *м* 1. корд, кордча; **столовый** ~ корди ошхона; **перочинный** ~ кордчаи қаламтарошӣ 2. *тех.* теғ; ~ **плуга** теғи плуг ◇ ~ **острый**, ~ **в сердце** *кому* марг (аҷал) барин; ~ **в спину кому-л.** *в знач. сказ.* ба касе хиёнат кардан; **без** ~**а зарезать** *кого* ба бало гирифтор кардан; **быть на** ~**ах** *с кем* душман будан, хусумат доштан; **как (будто, словно, точно)** ~**ом отрезать** қатъиян рад кардан; **лечь под** ~ *прост.* барои ҷарроҳӣ хобидан; **пристать с** ~**ом к горлу** *прост.* аз гулу гирифтан, ба ҷон расондан, мисли кана часпидан; **точить** ~ **на кого-л.** ба ҷони касе қасд кардан, адоват парваридан; **умереть под** ~**ом** дар вақти ҷарроҳӣ мурдан

ножев||ой, -ая, -ое 1. ...и корд; ~**ое остриё** дами корд; ~**ая рана** захми корд 2. *тех.* теғдор, теғнок; ~**ой аппарат** дастгоҳи теғдор

ноженки *тк. мн. разг. уменьш.* к **ножницы** 1

ноженька *ж разг. уменьш.-ласк.* к **нога** 1

ножик *м* кордча; **перочинный** ~ кордчаи қаламтарошӣ

ножк||а *ж* 1. *уменьш.-ласк.* к **нога** 1; **прыгать на одной** ~**е** якпоя ҷаҳидан; **по одёжке протягивай** ~**и** *погов.* ≈ ба курпаат нигоҳ карда пой дароз кун 2. поя; ~**а стула** пояи курсӣ 3. (*гриба*) тана 4. *тех.* пояк; ~**а циркуля** пояки паргор ◇ **козья** ~**а** 1) папироси дастӣ (дастисохт); 2) анбури дандонканӣ; **кланяться (поклониться) в** ~**и** *кому* зорӣ (сархам) кардан; **остались рожки да** ~**и** каллаю поча шуд; ҳеҷ чизе намонд; **подставить** ~**у** *кому* 1) ба пои касе печ андохтан, пешпо додан 2) фиреб (фанд) додан, ба вазъияти ноҳинҷор (ногувор) монондан; **избушка на курьих** ~**ах** 1) *фольк.* кулбаи мурғпочак, кулбаи кака 2) хоначаи фарсуда

ножницы *тк. мн.* 1. қайчӣ, микроз; **портновские** ~ қайчии чокбурӣ; **садовые** ~ қайчии токбурӣ 2. *тех.* қайчии оҳанбур; **электрические** ~ қайчии электрикӣ 3. *перен.* номутаносибӣ

ножничный, -ая, -ое ...и қайчӣ

ножн||ой, -ая, -ое ...и пой, барои пой, поякӣ; ~**ые мускулы** мушакҳои пой; ~**ая ванна** ваннаи пошуӣ; ~**ая швейная машина** мошинаи дарздузии поякӣ

ножны *тк. мн.* ғилоф, наём ◇ **вложить меч в** ~ ҷангу ҷидолро бас кардан

ножовка *ж.* дастарра

ножовый, -ая, -ое *см.* **ножевой**

ножонка *ж разг. уменьш.-ласк.* к **нога** 1

ноздреватый, -ая, -ое (**ноздреват**, -а, -о) масомадор, сурохдор; ~ **камень** санги масомадор

ноздр||я *ж* сурохи бинӣ ◇ ~**я в** ~**ю** *прост.* душ бо душ, паҳлу ба паҳлу

нокаут *м спорт.* нокаут (*аз зарбаи ҳариф ба муддати беш аз 8 сония гаранг шуда мондан ё аз ҳуш рафтани боксёр*)

нокаутировать *сов., несов. кого спорт.* нокаут кардан, зада аз по афтондан (*дар бокс*); ~ **противника** ҳарифро зада аз по афтондан

нокдаун *м спорт.* нокдаун (*ҳолати боксёр, ки дар натиҷаи зарби ҳариф то гузаштани 8 сонияи мусобиқаро давом дода наметавонад*)

ноктюрн *м муз.* ноктюрн (*асари на чандон калони созии мусиқӣ*)

нолев||ой, -ая, -ое сифрӣ, ...и сифр, ...и ноль, ба сифр (ба ноль) баробар; ~**ая температура** ҳарорати ба ноль баробар

нолик *м разг. уменьш.* к **ноль**

ноль (**нуль**) *м* 1. сифр, ноль, нуль 2. (*при исчислении температуры и т. п.*) ноль; ~ **градусов** ноль дараҷа; 3. *перен. разг.* (*о человеке*) ҳеҷ, дупула одам ◇ ~-~ 1) (*точно — о времени*) расо; **явиться в двенадцать** ~-~ расо дар соати бист омадан 2) *спорт.* дуранг; **абсолютный нуль** *физ.* нули мутлақ ~ **внимания** *прост.* ниҳояти бепарвоӣ; ~ **без палочки** *прост.* ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ; **свести к нулю** ба ҳеҷ баровардан

номадный, -ая, -ое *ист.* (*кочевой*) кӯчанда, кӯчманчӣ, бодиянишин, бодиягард

номады *мн.* (*ед.* **номад** *м*) *ист.* (*кочевники*) кучандаҳо, кӯчманчиҳо, бодиянишинон, бодиягардон

номенклатура *ж* номенклатура, феҳраст, номгӯй

номенклатурный, -ая, -ое ...и номенклатура, номенклатурӣ; ~ **список** рӯйхати номенклатурӣ ◇ ~ **работник** коркуни номенклатурӣ (*ходиме, ки аз тарафи идораҳои боло таъин ва ё тасдиқ карда мешавад*)

номер *м* 1. рақам, шумора; ~ **дома** рақами хона (ҳавлӣ) 2. (*планка, ярлык*) рақам; **табельный** ~ рақами табель // (*размер изделия*) андоза; **нитки сороковой** ~ ресмони чилум (чил) 3. шумора, нусха; **последний** ~ **журнала** шумораи охирини журнал 4. баромад; **эстрадный** ~ баромади эстрадӣ; **объявить следующий** ~ баромади навбатиро эълон кардан 5. (*в гостинице, бане и т. п.*) ҳуҷра // *мн.* **номера** *уст.* (*гостиница*) меҳмонхона 6. *перен. разг.* ҳила, найранг, кирдор; **вот так** ~! ин кирдорро бинед-а!; **этот** ~ **не пройдёт** ин найранг ба кор намеравад, гапи намешудагӣ; кори намешудагӣ 7. *воен.* аскар (*дар ҳайати дастаи пулемётчиён ё тупчиён*)

номерн||ой, -ая, -ое 1. ...и рақам, ...и шумора; пушида; ~**ой завод** заводи пушида (*заводе, ки хусусияти истеҳсолоти онро ошкор кардан мумкин нест*) 2. (*в гостинице, бане и т. п.*) ...и ҳуҷра (*дар меҳмонхона, ҳаммом*); ~**ая горничная** ходимаи ҳуҷраи меҳмонхона // *в знач. сущ.* **номерной** *м* ходими ҳуҷра; **номерная** *ж* ходимаи ҳуҷра

номерок *м* 1. *уменьш.* к **номер** 3, 5; 2. нумура; ~ **с вешалки** нумураи либосовезак

номинал *м фин.* номинал (*арзиши номи коғазҳои қиматноқ, пул, танга ва ғ.*); **продажа по** ~**у** аз рӯи номинал фурӯхтан(и)

номинализм *м филос.* номинализм (*равияи фалсафаи схоластии асримиёнагӣ, ки бар хилофи реализм мавҷудияти реалии мафҳумҳои умумиро инкор мекард*)

номиналист *м* номиналист, пайрави номинализм

номиналистическ||ий, -ая, -ое *филос.* ...и номиналисти, ...и номинализм; ~**ая теория** назарияи номиналистӣ

номинально *нареч.* ба ном

номинальн||ый, -ая, -ое 1. *фин.* номиналӣ, нишон додашуда; ~**ая цена** нархи номиналӣ 2. ба ном; номаш ҳасту худаш нест; ~**ый руководитель** ба ном роҳбар

номинатив *м грам.* номинатив (*шакли ибтидоии исму ҷонишин дар грамматика*)

номинативн||ый, -ая, -ое *грам.* ...и номинатив, номинативӣ, унвонӣ; ~**ое предложение** ҷумлаи унвонӣ

номограмма *ж мат.* номограмма (*графики ҷасоматҳои геометрӣ, ки дар ҳисобҳои гуногун истеъмол карда мешавад*)

номографическ||ий, -ая, -ое *мат.* номографӣ; ~**ие исчисления** ҳисобҳои номографӣ

номография *ж* номография (*соҳаи математика, ки аз назария ва усулҳои амалии тартиб додани номограммаҳо баҳс мекунад*)

нонпарель *ж полигр.* нонпарель (*ҳарфҳои шашпунктии чопӣ*)

нонсенс *м нескл.* сафсата, ҳарза

нора *ж* 1. хона, лона, сӯрох; **лисья** ~ хонаи рубоҳ 2. *перен. разг.* кулбаи тангу торик

норвежец *м* норвегиягӣ, норвег

норвежка *ж* норвегзан, норвегдухтар, зани (духтари) норвег

норвежский, -ая, -ое норвегиягӣ, норвегӣ, ...и норвегҳо, ...и Норвегия

норвежцы *мн.* норвегиягиҳо, норвегҳо, халқи Норвегия

норд *м* 1. *мор.* шимол 2. *мор., метео* боди шимолӣ

норд-вест *м* 1. *мор.* шимоли ғарб 2. *мор., метео* боди шимолиғарбӣ

норд-вестов||ый, -ая, -ое шимолиғарбӣ; ~**ое направление** самти шимолиғарбӣ

нордовый, -ая, -ое шимолӣ; ~ **ветер** боди шимолӣ

норд-ост *м* 1. *мор.* шимоли шарқ 2. *мор., метео* боди шимолишарқӣ

норд-остов||ый, -ая, -ое шимолишарқӣ; ~**ое направление** самти шимолишарқӣ

нория *ж тех.* наора, чиғир

норка I *ж уменьш.* к **нора**

норка II *ж* вашақ; (*мех*) пӯсти вашақ

но́рковый, -ая, -ое ...и вашак; ~ **мех** пӯсти вашак // *(из меха норки)* ...и пусти вашак; ~ **воротни́к** гиребони пӯсти вашак

но́рм||а *ж* 1. норма, қоида; ~**а поведе́ния** қоидаи ахлоқ; ~**ы литерату́рного языка́** нормаҳои забони адабӣ 2. норма, меъёр, миқдори муқарраршуда; ~**а вы́работки** нормаи кор; **повыше́ние** ~**ы** зиёд кардани норма; **сверх** ~**ы** аз норма зиёд (берун); **техни́ческие** ~**ы** нормаҳои техники 3. *полигр.* норма *(номи мухтасари китоб, рақами супориш, ки дар поёни тарафи чапи ҳар як саҳифаи аввали ҳар як ҷузъи чопӣ бо ҳарфҳои майда навишта мешавад)* ◇ ~**а приба́вочной сто́имости** *эк.* нормаи арзиши иловагӣ; ~**а при́были** *эк.* нормаи (меъёри) фоида; **прийти́ (войти́) в** ~**у** ба худ омадан

нормализа́ция *ж* *(по знач. гл.* **нормализова́ть)** банормаандозӣ, муътадил кардан(и), батартибдарорӣ; ~ **отноше́ний** муътадил кардани муносибат; ~ **орфогра́фии** батартибдарории имло

нормализова́ть *сов., несов. что* нормализация кардан, ба норма андохтан, мӯътадил гардондан, ба тартиб даровардан; ~ **литерату́рное произноше́ние** талаффузи адабиро ба тартиб даровардан

нормализова́ться 1. *сов., несов.* ба норма даромадан 2. *несов. страд.* ба тартиб дароварда шудан

норма́ль *ж* нормаль (1. *мат. хати перпендикуляр ба хати рости тамос ё сатҳе, ки аз нуқтаи тамос мегузарад* 2. *тех. детали намунаиш муқаррар кардашуда)*

норма́льн||ый, -ая, -ое (норма́|лен, -льна, -льно) 1. оддӣ, муқаррарӣ, муътадил, табиӣ, нормалӣ; ~**ый вес** вазни муқаррарӣ; ~**ая обстано́вка** вазъияти муътадил 2. *(психически здоровый)* солим, солимақл

норма́нны *мн.* *(ед.* **норма́нн** *м) ист.* норманнҳо *(номи дар Европаи Ғарбӣ маъмули викингҳо — аҳолии Скандинавия, ки аз охири асри 11 бо талаву тороҷи мамлакатҳои Европа машғул буданд; дар Россия онҳоро варягҳо меномиданд)*

норма́нск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и норманнҳо, норманнӣ; ~**ие племена́** қабилаҳои норманнҳо

нормати́в *м* аёр, маҳак, меъёр; **вы́работать** ~**ы** меъёр кор карда баромадан

нормати́вность *ж* аёрият, меъёри будан(и)

нормати́вн||ый, -ая, -ое 1. аёрӣ, ...и меъёр; ~**ый запа́с горю́чего** захираи аёрии сузишворӣ 2. меъёрӣ

нормирова́ние *с* *(по знач. гл.* **нормирова́ть)** банормадарорӣ, бақоидадарорӣ, норма (меъёр) таъин кардан(и)

нормиро́ванный, -ая, -ое 1. *прич.* ба норма (ба қоида) даровардашуда, меъёр таъин кардашуда 2. *прил.* банорма, мувофиқи норма; ~ **рабо́чий день** рӯзи кори банорма

нормирова́ть *сов., несов. что* ба норма (ба қоида) даровардан, норма (меъёр) таъин кардан; ~ **рабо́ту** корро ба норма даровардан

нормирова́ться *несов. страд.* ба норма (ба қоида) дароварда шудан

нормиро́вка *ж см.* **нормирова́ние**

нормиро́вочный, -ая, -ое ...и меъёр

нормиро́вщик *м* меъёргар

нормиро́вщица *женск. к* **нормиро́вщик**

но́ров *м прост.* хӯ, хислат, одат ◇ **с** ~**ом** *(о человеке)* бадфеъл, якрав; *(о животных)* чарс, раманда; **ло́шадь с** ~**ом** аспи раманда

норови́стый, -ая, -ое (норови́ст, -а, -о) *прост. (о человеке)* бадфеъл, якрав; *(о животных)* чарс, раманда

норови́||ть *несов. разг.* қасд (кушиш, саъй, харакат) кардан, ҷаҳд (зур) кардан; **ло́шадь** ~**ла сверну́ть с доро́ги в лес** асп зур мезад, ки аз роҳ ба тарафи ҷангал тоб хӯрад

нос *м* 1. бинӣ, димоғ, машом; **курно́сый** ~ бинии пучуқ; **прямо́й** ~ бинии рост; ~ **с горби́нкой** бинии дунг; **орли́ный** ~ бинии минқоршакл; **гре́ческий** ~ бинии рост, бинии зебо 2. нул, минқор; **дя́тел стучи́т** ~**ом по коре́** эзорсурхак ба пусти дарахт нул мезанад 3. ҷумак; **ча́йник с отби́тым** ~**ом** чойники ҷумакшикаста 4. нуг, нул; **боти́нки с тупы́ми** ~**а́ми** ботинкаи нугпаҳн 5. сар, нуг, қисми пеш; ~ **корабля́** сари киштӣ 6. *геогр. (мыс)* димоға ◇ ~ **в** ~, ~**ом к** ~**у** ру ба рӯ; **на** ~**у́** ба наздикӣ, наздик; **зима на** ~**у́** зимистон наздик; **не по́** ~**у** *кому прост.* маъқул не, зур намерасад; **по́д** ~**ом, под са́мым** ~**ом** дар пеши чашм, дар пеши назар; **с** ~**а, с** ~**у** *прост.* аз ҳар кас, сари касе; ~**а не пока́зывать (не каза́ть)** *куда, к кому* камдидор будан, камнамо шудан; **в** ~ **говори́ть** (**петь** *и т. п.*) манқа-манқа (бо димоғ) гап задан (сурудан); **из-под [са́мого]** ~**а** (~**у**) *кого, чьего, у кого* **взять (утащи́ть** *и т. п.*) аз пеши чашм бурдан (рабудан *ва ғ.*); **под** ~ **говори́ть (бормота́ть** *и т. п.*) *прост.* зери лаб ғур-ғур кардан; **бить в** ~ ба димоғ задан; **води́ть за́** ~ бо чормағзи пуч доман пур кардан, бо ваъдаи дурӯғ фиреб додан; **вороти́ть** ~ *от кого-чего* ру гардондан, руй тофтан; **вы́сунуть** ~ *куда, откуда* берун баромадан; **держа́ть** ~ **по ве́тру** замонасозӣ кардан; **драть (задира́ть, поднима́ть)** ~ *перед кем прост.* димоғбаландӣ кардан, фук ба осмон бардоштан, ҳавобаланд шудан; **заруби́ть [себе́] на** ~**у́** ҳалқа бар гӯш кардан; **клева́ть** ~**ом** пинак рафтан; **крути́ть** ~**ом** *прост.* гардантобӣ (саркашӣ) кардан; **мо́рщить** ~ ру турш кардан; **не ви́деть да́льше своего́ [со́бственного]** ~**а** аз атроф бехабар будан, кутоҳандеш будан; **оста́вить с** ~**ом** *кого,* **натяну́ть (наста́вить)** ~ *кому прост.* фиреб додан, ду даст дар бинӣ монондан; **оста́ться с** ~**ом** фанд хурдан, ду даст дар бинӣ мондан; **пове́сить** ~ **[на кви́нту]** лабу лунҷ овезон кардан, хафа мондан, маъюс шудан; **сова́ть [свой]** ~, **сова́ться с** ~**ом (со свои́м** ~**ом)** *куда, во что прост.* ба ҳар кор аралаш шудан, ба ҳар ош қатиқ шудан; **ты́кать в** ~ *кому,* **ты́кать** ~**ом** *кого во что прост.* дағалона ишорат додан; **утере́ть** ~ **кому́-л.** *прост.* касеро ба як нул задан, **уткну́ть** ~, **уткну́ться** ~**ом** *во что* чашм духтан, ғарқ шудан *(ба навиштан, хондан)*; **кома́р** ~**а (**~**у) не подто́чит** *погов.* касе ғинғӣ гуфта наметавонад; **с гу́лькин (с воробьи́ный)** ~ *прост.* қитикак, пушти нохун барин; **коро́че воробьи́ного** ~**а** бисьёр кутоҳ, хеле кутоҳмуддат; **[хоть] кровь и́з носу (из** ~**а)** *прост.* бо ҳар роҳе, ки бошад, мурӣ ҳам

нос́астый, -ая, -ое (нос́аст, -а, -о) *прост. см.* **носа́тый** 1

носа́т||ый, -ая, -ое (носа́т, -а -о) 1. *разг.* бинидароз, биникалон; минқоркалон 2. *дар таркиби баъзе номҳои зоологӣ* минқоркалон, нулдароз; ~**ый какаду́** тутии минқоркалон

носа́ч *м* 1. *прост.* биникалон, бинидароз; минқоркалон 2. маймуни тумшуқдароз

но́сик *м* 1. *уменьш.-ласк.* к **нос** 1, 2; 2. ҷумак; ~ **ча́йника** ҷумаки чойник

носи́лки *тк. мн.* занбар; сароҷа, тахти равон

носи́льный, -ая, -ое пушидашаванда, мепушидагӣ *(оид ба либос)*

носи́льщик *м* ҳаммол, боркаш, борбардор

носи́тель *м* 1. соҳиб, намоянда; ~ **высо́кой культу́ры** намояндаи маданияти пешкадам; ~ **языка́** соҳиби забон 2. *(распространитель инфекции)* паҳнкунанда ◇ **раке́та-**~ ракетаи ҳомил

носи́ть *несов.* 1. *см.* **нести́** 1 2; 2. *что* пушидан, гирифта гаштан; ~ **вое́нную фо́рму** либоси ҳарбӣ пушида гаштан; ~ **тра́ур** азо доштан, азодор будан; ~ **очки́** айнак гирифтан // *(о бороде, усах и т. п.)* мондан, доштан; **она́ но́сит дли́нные во́лосы** вай муи дароз дорад; **он не но́сит усо́в** вай муйлаб намемонад // *(всегда иметь при себе)* гирифта (овехта) гаштан; ~ **револьве́р** таппонча овехта гаштан 3. *что* гирифтан, доштан; **она́ но́сит фами́лию му́жа** вай фамилияи шавҳарашро гирифтааст; **э́то расте́ние но́сит стра́нное назва́ние** ин растанӣ номи аҷоиб дорад 4. *что* доштан, доро будан; ~ **на себе́ отпеча́ток чего́-л.** осори чизе доштан 5. *кого разг.* ҳомила (бордор, дуҷон) будан ◇ ~ **во́ду решето́м** бо ғалбер об кашондан, ҷавз дар гунбад ниҳодан; ~ **на рука́х** *кого* 1) болаи даст бардошта гаштан 2) эрка кардан; ~ **ору́жие** ба кор фармудани яроқ қобилият доштан; **высоко́ (го́рдо)** ~ **го́лову** сарбаланд будан; **едва́ (е́ле) но́ги но́сят** *кого* хеле монда аст; **как [то́лько] его́ земля́ но́сит** заминро ҳаром карда мегардад; **чёрт (нелёгкая) но́сит** *кого где прост.* ким-куҷоҳо давида гаштааст; **соба́ка ла́ет, ве́тер но́сит** *посл.* ≈ абрро бонги саг зиён накунад: саг меҷакад, корвон мегузарад

носи́ться *несов.* 1. *см.* **нести́сь** 1; 2. *(бегать)* тез гаштан, рафтан, давидан.

даводав кардан; **де́ти но́сятся по́ двору** бачаҳо дар руи ҳавлӣ даводав карда гаштаанд // *(летать)* парвоз кардан, парида гаштан; **га́лки с шу́мом но́сятся в не́бе** зоғчаҳо дар осмон қийғосзанон дар парвозанд // *разг. (бегать, хлопотать)* овора (андармон) шудан // *(о слухах и т. п.)* паҳн шудан 3. *(об одежде, обуви и т. п.)* дошт додан; **мо́й костю́м хорошо́ но́сится** костюми ман хуб дошт медиҳад 4. *с кем-чем разг.* андармон шудан, азизу эрка кардан; **он до сих пор но́сится со свое́й зате́ей** вай то ҳол овораи нияти ҳуд аст 5. *страд.* пушида шудан ◇ **но́сится как [дура́к, ду́рень] с пи́саной то́рбой** *с кем-чем прост.* бо дупула гап овора мешавад; **в во́здухе но́сится** ҳис карда мешавад

но́ска *ж* (*по знач. гл.* **нести́**) кашондан(и), кашониш, бардошта гаштан(и); гузоштан(и), зоидан(и); ~ **земли́** кашондани хок; ~ **яи́ц** тухм кардан(и)

носки́ *мн.* (*ед.* **носо́к** *м*) ҷуроб, пайпок

но́ск||ий, -ая, -ое (но́с|ок, -ка, -ко) 1. бадошт, доштдор, маҳкам; ~**ая ткань** матои бадошт 2. *(о птицах)* сертухм, серпушт; ~**ая поро́да кур** зоти сертухми мурғ

но́скост||ь *ж* 1. *(одежды, обуви и т. п.)* доштнокӣ, бадошт (доштдор, маҳкам) будан(и); ~**ь тка́ни** доштнокии матоъ 2. *(птиц)* сертухмӣ, серпуштӣ, сертухм будан(и); **ку́ры высо́кой** ~**и** мурғҳои сертухм

носов||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и бинӣ, ...и димоғ; ~**о́й плато́к** даструймол, руймолча; ~**ая по́лость** *анат.* тиҳигоҳи димоғ 2. *лингв.* димоғӣ; ~**ы́е зву́ки** овозҳои димоғӣ 3. ...и сар, ...и пешгоҳ, ...и қисми пеш; ~**а́я па́луба** саҳни пеши киштӣ

носогло́тка *ж анат.* пешгоҳи ком, болои ҳалқ

носогло́точный, -ая, -ое *анат.* ...и пешгоҳи ком

носогре́йка *ж разг. (курительная трубка)* чубуқ

носо́к I *м см.* **носки́**

нос||о́к II *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **нос** 2; 2. нуги пой; нуг, нул; **идти́ на** ~**ках** ба нуги пой роҳ рафтан; **боти́нки с у́зкими** ~**ка́ми** ботинкаи нугборик 3. нуг, нул, сарак; ~**о́к молотка́** нули болғача

носоро́г *м* 1. *(млекопитающее)* карк, каркадан 2. *(жук)* гамбуски шохдор

носоро́гов||ый, -ая, -ое ...и карк, ...и каркадан; ~**ая ко́жа** пусти каркадан

носоро́жий, -ья, -ье *см.* **носоро́говый**

носо́чки *мн. (ед.* носо́чек *м) уменьш. к* **носки́**

носо́чн||ый I, -ая, -ое ...и ҷуроб, ...и пайпок; **чуло́чно-**~**ые изде́лия** ҷуроб

носо́чн||ый II, -ая, -ое ...и нуг, ...и қисми пеш

носта́льги́я *ж* хасрати (орзуи) ватан

но́счик *м* боркаш, борбардор, ҳаммол; ~ **дров** ҳезумкаш

но́т||а I *ж* 1. *муз.* нота; ~**а «ре»** нотаи «ре»; **брать (взять)** ~**у** нота навохтан (хондан) // *мн.* **но́ты** *муз.* нота; **па́пка с** ~**ами** дафтари нота; **петь по** ~**ам** аз рӯи нота суруд хондан; **положи́ть на** ~**ы** ба нота гирифтан 2. *прям., перен.* оҳанг; **ни́зкая** ~**а** оҳанги паст; **фальши́вая** ~**а** 1) оҳанги вайрон 2) *перен.* оҳанги ғайрисамимӣ; **в её го́лосе послы́шалась** ~**а неудово́льствия** аз оҳанги гапаш норозигӣ ҳис карда шуд ◇ **на одно́й** ~**е, в одну́** ~**у** якзайл, ба як мақом; **как по** ~**ам разыгра́ть** бо осонӣ (бемалол) коре кардан

но́та II *ж дип.* нота *(номаи дипломатии як давлат ба давлати дигар)*; **обме́н** ~**ми** мубодилаи нота

нотабе́на *ж*, **нотабе́не** *с нескл.* нотабена *(аломати NB дар ҳошияҳои китоб ё дафтар, ки ба ҷойҳои мазкур диққат доданро таъкид мекунад)*

нотариа́льн||ый, -ая, -ое нотариалӣ, ...и нотариус; ~**ая конто́ра** идораи нотариус // аз тарафи нотариус тасдиқ кардашуда; ~**ая ко́пия** нусхаи аз тарафи нотариус тасдиқ кардашуда

нотариа́т *м* нотариат *(идораи расмӣ кунондани ҳуҷҷатҳои нотариалӣ)*

нота́риус *м* нотариус *(шахсе, ки қонунан барои расмӣ кунондани ҳуҷҷатҳои юридикӣ маъмур шудааст)*

нота́ци||я I *ж (наставление)* насиҳат, панд; сарзаниш, танбеҳ; **прочита́ть** ~**ю кому́-л.** касеро насиҳат кардан

нота́ция II *ж (система обозначений)* нотация *(системаи аломатҳои шартӣ ягон соҳаи кор)*; **ша́хматная** ~ нотацияи шоҳмот

но́тк||а *ж уменьш. к* **но́та** 1 2; **высо́кие** ~**и** оҳанги баланд; **тёплые** ~**и** оҳанги самимона

но́тн||ый, -ая, -ое ...и нота; ~**ый знак** аломати нота; ~**ая тетра́дь** дафтари нота (нотанависӣ); ~**ая бума́га** коғази нотанависӣ; ~**ый магази́н** магазини нотафурӯшӣ

ноу́мен *м филос.* ноумен *(дар фалсафаи Кант — «ашьё дар худ»)*

ночева́ть *сов., несов.* шаб гузарондан (мондан), хоб кардан; ~ **под откры́тым не́бом** дар ҳавои кушод (дар берун) хоб кардан ◇ **днева́ть и** ~ *у кого, где* шабу руз мондан

ночёвк||а *ж* 1. шабгузаронӣ, шабхобӣ, хоб кардан(и); ~**а в по́ле** шабхобӣ дар саҳро; **прийти́ с** ~**ой** хобиданӣ омадан 2. *(место)* манзил, ҷои шабгузаронӣ (хоб)

но́ченька *ж фольк. ласк. к* **ночь**

но́чка *ж ласк. к* **ночь**

ночле́г *м* 1. *(место)* манзил, ҷои шабгузаронӣ (шабмонӣ) 2. хоб, шабгузаронӣ; **расположи́ться на** ~ барои шабгузаронӣ ҷой гирифтан

ночле́жка *ж уст.* хобгоҳи (хонаи шабгузаронии) одамони бехонумон

ночле́жный, -ая, -ое ...и ҷои шабгузаронӣ ◇ ~ **дом** хонаи бенавоён, хобгоҳи одамони бехонумон

ночни́к *м* шабчароғ

ночни́ца *ж* 1. *(ночная бабочка)* шабпарак, шапалак 2. куршабпараки хурд

ночн||о́й, -а́я, -о́е 1. шабона, ...и шаб; ~**о́е вре́мя** шабонгоҳ; ~**а́я тьма** торикии шаб; ~**о́й сто́рож** шабгард; ~**а́я ба́бочка** шабпарак 2. *в знач. сущ.* **ночно́е** *с* шабчаро; **отпра́виться в** ~**о́е** шабчаро баромадан 3. *дар таркиби баъзе номҳои зоологӣ ва ботаникӣ:* ~**а́я ца́пля** лаклаки шабпар; ~**а́я фиа́лка** бунафшаи шомусаҳар

ноч||ь *ж* шаб; **глубо́кая** ~**ь** бевақтии шаб; **до по́здней** ~**и** то бевақтии шаб; **всю** ~**ь** [**напролёт**] тамоми шаб; **по** ~**а́м** шабҳо; **за́ ночь** дар як шаб; **на́ ночь** пеш аз шаб; **на́ ночь гля́дя** дар бевақтии шаб; ба торикии шаб нигоҳ накарда; **в** ~**ь на...** шаби..., арафаи..., **в** ~**ь на пя́тницу** шаби панҷшанбе; [**и**] **день и** ~**ь, днём и** ~**ью** шабу руз, ҳамеша, доимо; **споко́йной** (**до́брой**) ~**и!** шаб ба хайр!, шабатон хуш бод! ◇ **бе́лые** ~**и** сапедашабҳо, шабҳои шимол; **варфоломе́евская** ~**ь** шаби Варфоломей *(24 августи соли 1572 дар шаби иди ҳазрати Варфоломей гугенотҳоро қир кардани католикҳо; маҷозан қатли ом, кушокушӣ)*; **воробьи́ная** ~**ь** 1) шаби чумчуқ *(кутоҳтарин шаби тобистон)*; 2) шаби серраъду барқ; **поля́рная** ~**ь** шаби қутбӣ; **под покро́вом** ~**и** дар паноҳи шаб, дар зери чодари шаб

но́чью *нареч.* шабона, шаб, шабакӣ, дар вақти шаб; **днём и** ~ шабу руз

но́ша *ж* бор, ҳамл; **тяжёлая** ~ бори гарон (вазнин); **своя́** ~ **не тя́нет** *посл.* ≈ санги даркорӣ вазн надорад

ноше́ние *с* (*по знач. гл.* **носи́ть** 2) доштан(и); овехта гаштан(и); ~ **ордено́в** овехта гаштани орден; **пра́во на** ~ **ору́жия** ҳуқуқи гирифта гаштани яроқ

но́шенный *прич.* (но́шен, -а, -о) бурдашуда, кашондашуда, пушидашуда

но́шен||ый, -ая, -ое нимдошт, пушидашуда; ~**ое пла́тье** куртаи нимдошт; ~**ая о́бувь** пойафзоли нимдошт

но́щно *нареч.*: де́нно и ~ шабу руз, ҳамеша, доимо

нощь *ж уст. поэт.* шаб, шабонгоҳ

но́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* нолакунанда, ноланда 2. *прил.* бекарор, бером; ~**ая боль** дарди сим-сим

ноя́брь *м* моҳи ноябрь

ноя́брьск||ий, -ая, -ое ноябрӣ, ...и моҳи ноябрь; ~**ие за́морозки** хунукиҳои моҳи ноябрь

нрав *м* 1. феъл, ху́, характер, табиат; **весёлый** ~ одами шоду хуррам; **круто́й** ~ феъли бад 2. *чаще мн.* **нра́вы** урфу одат, расм; ~**ы и обы́чаи** урфу одат, расму қоида ◇ **по** ~**у быть** (**прийти́сь**) писанд (маъқул) омадан

нра́вит||ься *несов. кому* хуш (писанд) омадан, нағз дидан, форидан, маъқул шудан; **не всем нра́вятся здё́шние места́** ин ҷойҳо на ба ҳама маъқуланд; **ему́** ~**ся верхова́я езда́** вай аспсавориро нағз мебинад

нра́вный, -ая, -ое (нра́в|ен, -на, -но) *прост.* бадқаҳр, ғазабнок, бадхашм; тез, тунд

нравоуче́ни||е *с* насиҳат, панд; ~ **чита́ть** ~**я** насиҳат кардан

нравоучи́тельно *нареч.* насиҳатомез, пандомез

нравоучи́тельность *ж* насиҳатомезӣ, пандомезӣ

нравоучи́тельный, -ая, -ое насиҳатомез, пандомез; ~ **рома́н** романи насиҳатомез

нра́вственность *ж* ахлоқ, одоб; **коммунисти́ческая** ~ ахлоқи коммунистӣ

нра́вственн||ый, -ая, -ое (нра́вствен, -на, -но) 1. ...и ахлоқ, ...и одоб; ~**ый крите́рий** меъёри одоб 2. боодоб(она), хушахлоқ(она); ~**ый посту́пок** рафтори хушахлоқона 3. *тк. полн. ф.* маънавӣ, рӯҳӣ; ~**ое воспита́ние** тарбияи маънавӣ; ~**ое удовлетворе́ние** қаноатмандии маънавӣ 4. *уст. (нравоучительный)* насиҳатомез, пандомез

ну I *межд. разг.* 1. *(выражает побуждение)* канӣ; **ну, дава́йте чита́ть!** канӣ, биёед хонем! 2. *с род. мест. 2 и 3 л. ед. и мн. (отстань, отстаньте)* биё мон(ед), биё бас кун(ед); **ну тебя, надое́л!** биё мон, безор шудам! // *(прочь, долой)* дафъ (нест, дур) шавад; **ну его́!** равад!, дафъ шавад! 3. *чаще с частицами «и», «уж», «ж» выражает удивление, негодование, иронию* аҷаб, аҷиб, заб; **ну и трус!** заб тарсончак будааст!

ну II *частица* 1. *вопр. чаще в сочет. с частицей «да» (неужели)* рост, ростӣ, ба ростӣ; **я сего́дня уезжа́ю.— Да ну?** Ман имрӯз меравам.— Ба ростӣ? 2. *вопр. в сочет. со сл. «как» разг. (что, если)* агар, магар, канӣ; **ну, как придёт кто́-нибудь?** агар ягон кас омада монад-чӣ? 3. *усил.* ҳа, бале, не; **ведь э́то непра́вда? — Ну, коне́чно, непра́вда!** охир ин нодуруст-ку? — Ҳа, албатта, нодуруст! 4. *разг. (итак, наконец)* охир, оқибат, дар охир, пас; **ну, я пошёл** хайр, ман рафтам 5. *с неопр. ф. гл. несов. вида разг. (начал, стал)* сар кард, бардошт; **он вошёл и ну крича́ть** аз дар надаромада маға̄л бардошт 6. *прост. (допустим)* хайр-дия, хайр; **ты сказа́л ему́? — Ну, сказа́л** ту ба вай гуфтӣ? — Хайр, гуфтам ◇ **ну да́** 1) *(как бы не так)* умед накун!; осон не!; 2) *(разумеется, конечно)* албатта, шаке нест, ба ростӣ; наход; **ну и ну́!** аҷаб!; **ни тпру ни ну** *прост.* аз ҷояш намеҷунбад; **фу́-ты, [ну́-ты]!** наход!, ина бинед-а!

нувори́ш *м* нувориш *(дар мамлакатҳои капиталистӣ — каси аз савдогарӣ ва ҳаннотӣ бойшуда)*

нуга́ *ж* ҳалвои чормағзӣ, ҳалвои мағзин

нуда́ *м, ж прост.* шумшук, шилкин, одами дилбазан (безоркунанда)

ну́дно 1. *нареч.* дилбазан; ~ **расска́зывать** дилбазан нақл кардан 2. *в знач. сказ. безл. разг.* дилгиркунанда аст; **ему́** ~ **здесь одному́** як худи вай дар ин ҷо зиқ мешавад

ну́дный, -ая, -ое (ну́д|ен, -на, -но) *разг.* дилбазан, дилгиркунанда, безоркунанда, зиқкунанда; ~ **челове́к** одами дилбазан

нужд||а́ *ж* 1. эҳтиёҷ, муҳтоҷӣ, бенавоӣ, бечорагӣ; **жить в** ~**е́** муҳтоҷӣ кашида зистан 2. ҳоҷат, эҳтиёҷ, муҳтоҷӣ, зарурат; **ну́жды и запро́сы трудя́щихся** ҳоҷату талаботи меҳнаткашон; **испы́тывать** ~**у́ в чём-л.** ба чизе муҳтоҷ будан ◇ ~**ы́ ма́ло** *кому* парво надорад; ~**ы́ нет** аҳамият надорад, ҳоҷат нест

нужда́ться *несов.* 1. муҳтоҷӣ кашидан, муҳтоҷ (камбағал) будан, дар бенавоӣ будан 2. *в ком-чём* эҳтиёҷ доштан, ҳоҷатманд (муҳтоҷ) будан; ~ **в по́мощи** муҳтоҷи ёрӣ будан

нужда́ющийся, -аяся, -ееся *прич. и в знач. сущ. чаще мн.* ҳоҷатманд, муҳтоҷ

ну́жник *м прост.* ҳоҷатхона, халоҷо

ну́жно *в знач. сказ. безл. кому-чему и с неопр.* даркор (лозим, зарур) аст, бояд; ~ **идти́ на рабо́ту** ба кор рафтан даркор; ~ **торопи́ться** шитоб кардан лозим аст; **э́то как раз то, что мне** ~ чизи ба ман зарурӣ ана ҳамин аст ◇ **о́чень (куда́ как)** ~! ҳоҷат надорад!, лозим нест; **так и** ~ *кому* сазовори ҳамин аст, ҳаққаш ҳамин аст

ну́жн||ый, -ая, -ое (ну́ж|ен, -на́, -но) даркорӣ, зарурӣ; ~**ые ве́щи** чизҳои зарурӣ; ~**ый рабо́тник** коркуни даркорӣ

ну́-ка *межд. разг. (выражает побуждение)* канӣ, чӣ, канӣ як; ~ **подойди́ ко мне!** канӣ, пеши ман биё!

ну́-кась, ну́-кася *межд. прост. см.* **ну́-ка**

ну́кать *несов. кого и без доп. прост.* шитоб (саросема, телба) кунондан

нуке́р *м* навкар, нӯкар

нулево́й, -а́я, -о́е *см.* **нолево́й**

ну́лик *м см.* **но́лик**

нуллифика́ция *ж (по знач. гл.* **нуллифици́ровать**) беэътибор (бекор, соқит) кардан(и)

нуллифици́ровать *сов., несов. что книжн.* беэътибор (бекор, соқит) кардан

нуллифици́роваться *несов. страд.* беэътибор карда шудан

нуль *м см.* **ноль**

ну́мер *м уст. см.* **но́мер**

нумера́тор *м* нумератор, аппарати рақамгузорӣ

нумера́ция *ж* 1. *(по знач. гл.* **нумерова́ть**) рақамгузорӣ, номергузорӣ 2. рақамҳо, номерҳо, шумораҳо; ~ **домо́в** рақами хонаҳо 3. *мат.* нумерация *(қисми арифметика, ки дар он маҷмуи усулҳои номидану нишон додани рақамҳо баён мешавад)* 4. нумерация, ҳисоб; **десяти́чная** ~ ҳисоби ашъорӣ

нумерова́льный, -ая, -ое ...и рақамгузорӣ, ...и номергузорӣ; ~ **аппара́т** аппарати рақамгузорӣ

нумерова́ние *с см.* **нумера́ция** 1

нумеро́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* рақам (номер) гузошташуда 2. *прил.* рақамдор, номердор; ~**ое ме́сто** ҷои номердор

нумерова́ть *несов. что* рақам (номер) гузоштан, рақам мондан; ~ **страни́цы** ба саҳифаҳо рақам мондан

нумерова́ться *несов. страд.* рақам (номер) гузошта шудан

нумеро́вка *ж см.* **нумера́ция** 1

нумизма́т *м* нумизмат, мутахассиси нумизматика

нумизма́тика *ж* нумизматика *(илми ёридиҳандаи таърих, ки таърихи сикка ва муомилоти пулиро тадқиқ мекунад)*

нумизмати́ческ||ий, -ая, -ое ...и нумизматика, нумизматикӣ; ~**ая колле́кция** коллекцияи нумизматикӣ

ну-ну́ *межд. разг.* 1. *(выражает побуждение)* канӣ; ~, **встава́й!** канӣ, хез! 2. *(выражает удивление, негодование и т. п.)* аҷиб, аҷаб 3. *(выражает согласие с собеседником)* маъқул, хуш

ну́нций *м* нунций *(намояндаи доимии папаи Рим дар ҳукумати ягон давлат)*

ну-с *частица разг.* 1. *(итак, следовательно)* хуш, канӣ, яъне, пас; ~, **продолжа́йте** хуш, гап занед 2. *(усиливает вопрос)* канӣ, ҳа; **вы идёте? — Ну-с?** шумо меравед-мӣ? А?

нут *м бот.* нут *(растании лубиёмонанд)*

ну́-те, ну́те-ка, ну́-тка *межд. прост. см.* **ну́-ка**

ну́триевый, -ая, -ое ...и сагобӣ; ~ **мех** пӯсти сагобӣ // *(из меха нутрии)* ...и пусти сагобӣ

нутрия *ж (животное)* сагобӣ; *(мех)* пусти сагобӣ

нутр||о́ *с разг.* 1. дарун, ботин, дил; шикам 2. *(внутренняя часть чего-л.)* дарун 3. *перен. (сущность)* моҳият, асл 4. *перен. (чутьё, инстинкт)* ҳиссиёт, ҳис ◇ **по** ~**у́** *кому* маъқул аст; **не по** ~**у́** *кому* намефорад, маъқул нест

нутроме́р *м* нутромер *(навъи асбоби ченкунии детальҳои мошин)*

нутрян||о́й, -ая, -о́е *разг.* дарунӣ, ботинӣ; ~**о́е са́ло** чарбу

ны́мыланы *мн. уст.* нымыланҳо; *см.* **коря́ки**

ны́не *нареч.* 1. *уст.* ҳоло, ҳозир, акнун, дар вақти ҳозира, алҳол 2. *прост.* имрӯз

ны́нешний, -яя, -ее 1. *разг.* ҳозира, инзамона 2. *прост.* имрӯза

ны́нче *нареч.* 1. *разг.* ҳоло, ҳозир, акнун, дар вақти ҳозира 2. *прост.* имрӯз ◇ **не** ~ — **за́втра** ба қарибӣ, дар рӯзҳои наздик

ырко́в||ый, -ая, -ое: ~**ая у́тка** мурғобии ғутазанак

нырну́ть *сов. однокр. к* **ныря́ть**; ~ **вниз голово́й** сарнишеб ғӯта задан

ныро́к *м* 1. *разг.* ғӯта 2. *разг. (о человеке)* ғаввос, ғутазан 3. мурғобии ғутазанак

ныря́ло *с см.* **плу́нжер**

ныря́льщик *м разг.* ғаввос, ғӯтазан

ныря́ние *с (по знач. гл.* **ныря́ть**) ғӯтазанӣ, ғаввосӣ

ныря́ть *несов.* 1. ғута задан, ғаввосӣ кардан 2. *перен. разг.* даромада рафтан, нопадид шудан, ғайб задан; ~ **в толпу́** дар байни издиҳом ғайб задан

ныря́ющий, -ая, -ее 1. *прич.* ғутазананда 2. *прил. (о походке)* андак ланг

ны́тик *м разг.* гирьёнчак, ноланда

ныть *несов.* 1. сим-сим дард кардан; **больна́я рука́ но́ет** дасти маиб сим-сим дард мекунад 2. *разг.* нолидан, шикоят

кардан; **он всё время ноет и жалуется** вай доимо нолида шикоят мекуиад 3. *разг.* нолиш (нола) кардан ◇ **душа (сердце) ноет** дил об (хун) мешавад

нытьё *с* 1. дард, сузиш, дарди сим-сим; ~ **в плече** дарди китф 2. *(по знач. гл.* **ныть** 2) нолидан(и) 3. *разг. (ноющий звук)* нола

ньюфаундленд *м (порода собак)* ньюфаундленд *(зоти сагҳои калонҷуссаи дарозпашм)*

нэп *м* (новая экономическая политика) нэп (сиёсати нави иқтисодӣ)

нэпман *м разг.* нэпман

нэпманский, -ая, -ое *разг.* нэпманӣ, ...и нэпмаи

нэповский, -ая, -ое ...и нэп, нэпӣ

нюанс *м* тобиш, оҳанг; ~**ы произношения** оҳангҳои талаффуз

нюни *тк. мн.:* **распустить** ~ *прост.* 1) гирья кардан, гиристан 2) лабу лунҷ овезон кардан, дилмурда шудан

нюнить *несов. прост.* гирья кардан, гиристан; нолидан

нюня *м, ж разг.* гирьёнчак; ноланда

нюх *м* 1. қувваи (ҳисси) шомма, ҳиссиёти буйфаҳмӣ 2. *перен. разг.* фаросат, ҳушьёрӣ, зиракӣ, буйфаҳмӣ ◇ **собачий** ~ *у кого на что прост.* ҳиссиёти тез, саги буйгир барин

нюхальщик *м разг.* носкаш; буйкунанда, буянда, ба бинӣ кашанда *(мас. тамоку, нос)*

нюханье *с (по знач. гл.* **нюхать**) буйкашӣ, буй кардан(и)

нюхательный, -ая, -ое буидани; ~ **табак** тамокуи буиданӣ

нюха||ть *несов. что* 1. бу кашидан, бу кардан, буидан 2. *перен. чаще с отриц. «не» разг.* донистан, фаҳмидан; дидан; **он и не** ~**л трудностей** вай ҳануз душвориро надидааст 3. *перен. прост.* донистан, фаҳмидан, дониста гирифтан ◇ **он пороху не** ~**л** буи борут ба димоғаш нарасидааст

нюхнуть *сов. однокр. к* **нюхать** 1

нянечка *ж разг.* 1. *ласк. к* **няня** I 1 доя, доячон 2. *см.* **няня** I 2

нянечкин, -а, -о ...и доя, аз они доя

нянин, -а, -о ...и доя, аз они доя

нянчить *несов. кого-что* доягӣ (бачабардорӣ, нигоҳубин) кардан

нянчиться *несов. с кем-чем* 1. *см.* **нянчить**; 2. *перен. разг.* овора шудан, нозбардорӣ кардан; **довольно с ним** ~! ба вай дигар нозбардорӣ накунед!

нянька *ж разг.* 1. доя, бачабардор; **у семи нянек дитя без глазу** *посл.* ≈ кайвонӣ нӯҳ шуд, завола гум шуд; хонаеро, ки ду кадбонуст, хок то зонуст 2. *перен.* нозбардор

нянькин, -а, -о ...и доя, аз они доя

нянюшка *ж ласк. к* **няня** I 1 доячон

няня I *ж* 1. *(при детях)* доя, бачабардор 2. *(в больнице)* занаки парастор, касалбон; *(в школе)* фаррошзани мактаб

няня II *ж обл.* няня *(самбусаи гуштин)*

О

о I (об, обо) *предлог* 1. *с вин. (указывает на соприкосновение, столкновение)* ба, бар; **опереться о стену** ба девор такья кардан; **удариться о столб** ба сутун бархурдан, ба симчуб рафта задан 2. *с вин. (в наречных выражениях)* ба, бар, бо ҳам, ҳамроҳ; **бок о бок** паҳлу ба паҳлу, душ ба душ; **рука об руку** даст ба даст 3. *с предл. (указывает лицо или предмет, на который направлена мысль, речь и т. п.)* дар бораи..., дар хусуси..., аз хусуси..., дар ҳаққи..., дар бобати... , аз бобати... , оид ба, роҷеъ ба... , доир ба; **лекция о происхождении жизни** лекция дар бораи пайдоиши ҳаёт; **думать о работе** дар хусуси кор фикр кардан; **забота о детях** ғамхорӣ дар ҳаққи бачагон 4. *с предл. уст. (при обозначении числа однородных частей):* **столик о трёх ножках** столчаи сепоя; **змей о двух головах** мори дусара

о II *межд.* 1. *(при обращении)* эй, э, аё, ҳой, ҳуй, о; **о родина моя!** аё, ватани ман!; **о друзья! эй**, дустон!, ҳой дустон! 2. *(при выражении удивления, восхищения, сожаления)* эх, ох, воҳ, э воҳ, аҷабо, во аҷабо; **о, как красиво!** чӣ тавр зебост!, аҷаб зебост! 3. *(при усилении утверждения или отрицания)* э, у, ҳа, ҳо, эҳа, уҳӯ, сабил; **о да!** ҳо!, ҳа!, бале!, оре!; **о нет!** э, не!

о= (об=, обо=, объ=) *приставка префиксе, ки ба маъноҳои зерин меояд:* 1) *ҳаракат кардан дар атрофи чизе* — **обежать** гирдогирди чизе давидан, давр зада баромадан; **огородить** девор (тавора) кашидан; 2) *ҳаракат кардан аз паҳлуи чизе* — **обойти** аз паҳлуи чизе гузаштан; 3) *ба чанд кас ё чиз татбиқ шудани амал* — **одарить** бахшидан, ҳадья кардан; 4) *аз касе, чизе пеш гузаштан* — **обыграть** бурдан, ғолиб омадан, бартарӣ (афзалият) пайдо кардан; 5) *аз меъёри чизе гузаштан* — **опоить** аз ҳад зиёд нушондан; 6) *ба касе зарар расондан* — **обмерить** аз улчак (аз тарозу) задан; 7) *бо ҳиссачаи «=ся» ҷой доштани хато ё саҳве* — **оговориться** пукидан; **оступиться** пешпо хурдан; 8) *бо чизе таъмин кардан* — **обогатить** бой (ғанӣ) кардан; **осложнить** мураккаб (душвор) кардан; 9) *натиҷаи амал* — **окаменеть** санг шудан; карахт (шах) шуда мондан

оазис *м* 1. воҳа 2. *перен.* хубӣ, некӣ

об *предлог* 1. *ба ҷои пешоянди «о» дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:* 1) *пеш аз калимаҳое, ки бо ҳарфи садонок сар мешаванд* — **об искусстве** дар бораи санъат 2) *дар баъзе ибораҳо, пеш аз калимаҳое, ки бо ҳарфи ҳамсадо сар мешаванд* — **рука об руку** даст ба даст 2. *баробари пешоянди «о» дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:* 1) *пеш аз калимаҳое, ки бо ҳарфи йотбарсар сар мешаванд* — **об ель** бар коҷ 2) *пеш аз ҷонишини «их»*; **об их деле** дар бораи кори онҳо 3) *дар забони гуфтугӯӣ пеш аз калимаҳое, ки бо ҳарфи ҳамсадо сар мешаванд* — **об рояль** бар роял; *см.* о I

об= *приставка префиксе, ки дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:* 1) *ба ҷои «о=» пеш аз ҳарфи садонок* — **обыграть** бурдан; **обучить** омӯхтан, хонондан 2) *ба ҷои «о=» дар баъзе ҳолатҳо пеш аз ҳарфи ҳамсадо* — **обдумать** андешидан, андеша кардан; **обрезать** буридан, бурида кутоҳ кардан 3) *дар баъзе мавридҳо баробари «о=»* — **обклеить** часпондан; **обмыть** шустан, шустушу кардан 4) *барои сохтани феълҳое истифода бурда мешавад, ки маънои «ба ҳисоб нагирифтани касе», «дар тақсим надодани насибаи касе»-ро доранд* — **обнести** бенасиб кардан *(касеро аз чизе)*; **обделить** аз ҳаққи касе задан; *см.* о=

оба *м, с* (**обе** *ж*) *числ.* ҳар ду; ~ **глаза** ҳар ду чашм; **обе дочери** ҳар ду духтар ◇ **подписаться обеими руками** *под чем* бо майлу хоҳиши тамом розӣ шудан, бо камоли майл тарафдор шудан; **смотреть (глядеть) в** ~ боэҳтиёт (эҳтиёткор, ҳушьёр) будан; **уписывать (уплетать) за обе щеки** дулунҷа хӯрдан; **ухватиться обеими руками за что-л.** ба чизе дудаста часпидан

обабиться *сов. прост.* 1. *(о мужчине)* зансифат (зантабиат, занмизоҷ) шудан 2. *(о женщине)* бесомон (ҳатӯл) шудан, ба таги ташвишҳои рӯзгор мондан

обабок *м обл. см.* **подберёзовик**

обагри||ть *сов. что книжн.* арғувонӣ (сурх, қирмизӣ, лолагун) кардан; **закат** ~**л небо** шафақи шом осмонро лолагун кард // *(окровавить)* ба хун оғуштан, хунолуд (ба хун олуда) кардан ◇ ~**ть руки кровью (в крови)** одам куштаи, хун рехтан

обагри||ться *сов. книжн.* арғувонӣ (сурх, қирмизӣ, лолагун) шудан; **небо** ~**лось закатом** осмон аз шафақи шом лолагун шуд; ~**ться кровью** хунолуд (хуншор) шудан

обагрять *несов. см.* **обагрить**

обагряться *несов.* 1. *см.* **обагриться**; 2. *страд.* арғувонӣ (сурх) карда шудан

обалдевать *несов. см.* **обалдеть**

обалделый, -ая, -ое *разг.* саргаранг(она), гиҷ, карахт; ~ **взгляд** нигоҳи карахт

обалдени||е *с разг.* саргиҷ шудан(и), гарангӣ, карахт шудан(и); **дойти до** ~**я** карахт шуда мондан

обалдеть *сов. разг.* гиҷ (гаранг) шудан, карахт шуда мондан

обалдуй *м бран.* ҳафтафаҳм

обанкротиться *сов.* 1. муфлис шудан, шикаст хурдан 2. *перен.* варшикастан, расвои ом (умум) шудан

обаяние *с* дилрабоӣ, ҷозиба, фатонат; ~ **молодости** фатонати ҷавонӣ; **находиться под** ~**м кого-чего-л.** мафтуни касе, чизе будан

обаятельность *ж см.* **обаяние**

обаятельный, -ая, -ое (обаяте|лен, -льна, -льно) дилписанд, дилрабо, ҷо-

зибадор, фаттон, ситорагарм; ~ **человéк** одами ситорагарм

обвáл *м* фуруғалтӣ, фуруравӣ, резиш; **стенá грози́т ~ом** девор ба зур истодааст; **снéжный ~** тарма

обвáливать I *несов. см.* **обвали́ть**

обвáливать II *несов. см.* **обваля́ть**

обвáливаться I *несов.* 1. *см.* **обвали́ться**; 2. *страд.* ғалтонда шудан, афтонда шудан

обвáливаться II *несов. страд.* ғелонда шудан

обвали́ть *сов. что (обрушить)* ғалтондан, фуру равондан, афтондан

обвали́||ться *сов.* ғалтидан, фурӯ рехтан; **штукатýрка ~лась** андоваи девор рехт

обваловáние *с (по знач. гл.* **обваловáть**) хоктеппа сохтан(и)

обваловáть *сов. что* хоктеппа сохтан

обваля́ть *сов. кого-что* ғелондан, ҷулондан; ~ **котлéту в мукé** котлетро ба орд ҷулондан

обваля́ться *сов.* ғелидан, ҷулидан, олудан

обвáривать *несов. см.* **обвари́ть**

обвáриваться *несов.* 1. *см.* **обвари́ться**; 2. *страд.* оби ҷуш рехта шудан

обвари́ть *сов. кого-что* 1. оби ҷӯш рехтан (андохтан); ~ **óвощи** ба сабзавот оби ҷуш рехтан 2. оби ҷӯш рехта сузондан; ~ **рýку** дастро бо оби ҷуш сузондан

обвари́ться *сов.* бо оби ҷуш (бо буғ) сухтан

обевáть *несов. см.* **обвéять** 1

обевáться *несов. страд.* шамол (бод) дода шудан

обведéние *с (по знач. гл.* **обвести́**) давра кашидан(и)

обвезти́ *сов. кого-что (вокруг чего-л.)* дар атрофи чизе давр занондан *(савора)* // *(минуя что-л.)* аз паҳлуи чизе гузарондан *(савора)*

обвéивать *несов. см.* **обвéять** 2

обвéиваться *несов. страд.* бод дода шудан

обвенчáть *сов. кого* никоҳ кардан (кунондан)

обвенчáться *сов.* ба ақди никоҳ даромадан, ақди никоҳ бастан, никоҳ карда шудан

обвернýть *сов. разг. см.* **обернýть** 1, 2

обвертéть *сов. кого-что прост. (обмотать)* печондан, бастан

обвертéться *сов. прост. (обмотаться вокруг чего-л.)* печидан

обвёртка *ж разг. см.* **обёртка**

обвёртывать *несов. см.* **обвернýть, обвертéть**

обвёртываться *несов. страд.* печонда шудан

обвéс I *м (по знач. гл.* **обвéсить** I) аз улчак (аз тарозу) задан(и)

обвéс II *м* парда, дарпарда

обвéсить I *сов. кого-что разг.* аз улчак (аз тарозу) задан

обвéсить II *сов. разг. см.* **обвéшать**

обвéситься I *сов. разг. (ошибиться при взвешивании)* дар баркаш саҳв кардан

обвéситься II *сов. разг. см.* **обвéшаться**

обвести́ *сов.* 1. *кого-что (вокруг чего-л.)* дар атрофи чизе давр занондан // *(минуя что-л.)* аз паҳлуи чизе гузарондан 2. *что (оградить)* дар атрофи *чизе* сохтан (кандан) 3. *что (очертить)* ба гирди *чизе* хат (ҳошия) кашидан, давра кашидан 4. *кого-что спорт.* чапғалат дода гузаштан ◇ ~ **взгля́дом** аз назар гузарондан; ~ **вокрýг (кругóм) пáльца** *кого* гул задан; ба лаби об ташна бурда ташна овардан

обвéтренн||ый, -ая, -ое 1. *прич., прил.* бодхурда; **~ые скáлы** харсангҳои бодхурда 2. *прил.* бодлесида; **~ые рýки** дастони бодлесида, дастони шахшул

обвéтреть *сов. см.* **обвéтриться**

обвéтриваться *несов.* 1. *см.* **обвéтриться**; 2. *страд.* бодхурда шудан

обвéтри||ть *сов. что* 1. *(разрушить ветром)* бодхӯрда кардан 2. бодлесида (бодлес) кардан; **мне ~ло гýбы** *безл.* лабҳои ман аз шамол кафидааст

обвéтри||ться *сов.* 1. бодхурда шудан; **стéны крéпости ~лись** деворҳои қалъа бодхурда шуданд 2. бодлесида (бодлес) шудан, аз бод кафидан (дурушт) шудан; **лицó ~лось** руй аз таъсири шамол шахшул шудааст

обветшáлость *ж* кӯҳиагӣ, фасурдагӣ

обветшáл||ый, -ая, -ое, куҳна, фасурда; **~ая кры́ша** боми куҳна // *перен.* аз даҳон монда, забонзадшуда

обветшáть *сов.* куҳна (фасурда) шудан

обвéшать *сов. кого-что* овехтан, овезон кардан; ~ **ёлку игрýшками** ба арча бозичаҳо овехтан

обвéшаться *сов.* ба худ овехтан (овезон кардан)

обвéшивание I *с см.* **обвéс** I

обвéшивание II *с (по знач. гл.* **обвéшать**) овехтан(и)

обвéшивание III *с (по знач. гл.* **обвеши́ть**) фарсангсор кардан(и)

обвéшивать I *несов. см.* **обвéсить** I

обвéшивать II *несов. см.* **обвéшать**

обвéшивать III *несов. см.* **обвеши́ть**

обвéшиваться I *несов.* 1. *см.* **обвéситься** I; 2. *страд.* аз ӯлчак зада шудан

обвéшиваться II *несов.* 1. *см.* **обвéшаться**; 2. *страд.* овехта шудан

обвéшиваться III *несов. страд.* фарсангсор карда шудан

обвеши́ть *сов. что* фарсангсор кардан

обвéять *сов.* 1. *см.* **овéять** 1; 2. *что (зерно)* бод додан

обвивáть *несов. см.* **обви́ть**

обвивáться *несов.* 1. *см.* **обви́ться**; 2. *страд.* печонда шудан

обвинéни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **обвини́ть**) айбдор (гунаҳкор) кардан(и), айбдоркунӣ; **~е в убúйстве** айбдор кардан дар одамкушӣ 2. *(приговор)* айбнома, ҳукмнома 3. *юр.* муддаӣ; **свидéтели ~я** шоҳидони муддаӣ

обвини́тель *м* айбдоркунанда, // *юр.* айбдоркунанда, муддаӣ, додситон

обвини́тельн||ый, -ая, -ое *юр.* айбдоркунанда ...и айбдоркунӣ; **~ая речь** нутқи айбдоркунанда; **~ое заключéние** айбнома, ҳукмнома

обвини́ть *сов. кого-что* 1. айбдор (гунаҳкор) кардан // *в чём* таъна задан (кардан); муттаҳам сохтан (кардан); ~ **в непоря́дочности** бевиҷдон гуфта таъна кардан 2. *юр.* маҳкум кардан

обвиня́ем||ый, -ая, -ое *прич. и в знач. сущ.* **обвиня́емый** *м*, **обвиня́емая** *ж юр.* айбдоршаванда; **допрóс ~ого** истинтоқи айбдоршаванда

обвиня́ть *несов.* 1. *см.* **обвини́ть**; 2. *юр.* ба сифати айбдоркунанда баромад кардан *(дар мурофиаи суд)*

обвиня́ться *несов. страд.* айбдор (гунаҳкор) карда шудан

обвисáть *несов. см.* **обви́снуть**

обви́сл||ый, -ая, -ое *разг.* овезон; **~ые усы́** бурути овезон

обви́снуть *сов.* овезон шудан

обви́||ть *сов.* 1. *что* печондан; **~ть кóсы вокрýг головы́** кокулро ба гирди сар печондан 2. *кого-что* печидан, печонда гирифтан; **виногрáд ~л дéрево** ток ба дарахт печидааст 3. *кого-что* оғӯш кардан, ба оғуш гирифтан; **ребёнок ~л рукáми шéю мáтери** кудак гардани модарро оғуш кард

обви́ться *сов.* 1. печидан, печонда гирифтан 2. *(о руках)* оғуш кардан, ба оғуш гирифтан

обвóд *м* 1. *(по знач. гл.* **обвести́**) ба гирди чизе хат (ҳошия) кашидан(и) 2. *(кайма)* ҳошия, шероза 3. *чаще мн.* **обвóды** *мор.* тарҳи киштӣ

обводи́ть *несов. см.* **обвести́**

обводи́ться *несов. страд.* хат кашида шудан

обвóдка *ж (по знач. гл.* **обвести́** 2—4) *разг.* ба гирди чизе хат (ҳошия) кашидан(и)

обводнéние *с (по знач. гл.* **обводни́ть**) обьёрӣ, оббарорӣ

обводни́тельн||ый, -ая, -ое ...и обьёрӣ, обьёрикунанда, оббароранда; ~ **канáл** канали обьёрӣ

облицовывать *несов. см.* **облицевать**

облицовываться *несов. страд.* рӯйкаш (рӯйбаст) карда шудан

облича||ть *несов.* 1. *кого-что* фош (ошкор, ифшо) кардан 2. *что* ошкор (намоён, зоҳир) кардан, дарак додан; **всё ~ло в нём дарование** ҳама рафтору гуфтораш аз истеъдоди ӯ дарак медод

обличаться *несов.* 1. *уст.* ошкор (намоён, зоҳир) шудан 2. *страд.* фош карда шудан

обличитель *м* фошкунанда, ошкоркунанда, ифшогар

обличительный, -ая, -ое фошкунанда, ошкоркунанда

обличить *сов. см.* **обличать** 1

обличь||е *с* 1. *прост.* афт, башара, шаклу шамоил; **узнать по ~ю** аз афташ шинохтан 2. *(облик)* тарҳ, намуд

облобызать *сов. кого-что уст. теперь шутл.* буса кардан

облобызаться *сов. уст. теперь шутл.* ҳамдигарро бӯса кардан

обло́в *м* (*по знач. гл.* **облови́ть**) сайд (шикор) кардан(и)

облови́ть *сов. что охот., рыб.* сайд (шикор) кардан

обло́г *м*, **обло́га** *ж обл.* замини буз

обложе́ние *с* (*по знач. гл.* **обложи́ть** 5) андозандозӣ, андоз баровардан(и); ~ **нало́гом** андохтани андоз

обло́жечн||ый, -ая, -ое ...и муқова, ...и ҷилд, муқовабоб; ~**ая бума́га** коғази муқова

обложи́ть *сов.* 1. *кого-что* гирдогирд гузоштан (мондан, ниҳодан); ~ **клу́мбу дёрном** гирдогирди гулзор чим хобондан 2. *что* руйкаш (руйбаст) кардан; ~ **сте́ны мра́мором** деворҳоро бо мармар руйбаст кардан 3. *что* фаро гирифтан, печонда гирифтан; **ту́чи обложи́ли не́бо** абрҳо рӯи осмонро фаро гирифтанд 4. *кого-что* муҳосира (миёнагир) кардан, печонда гирифтан; ~ **медве́дя в берло́ге** хирсро дар лонааш миёнагир кардан; ~ **кре́пость** қалъаро муҳосира кардан 5. андоз андохтан (баровардан); ~ **нало́гом** андоз андохтан 6. *кого-что груб. прост.* (*обругать*) дашном додан, ҳақорат кардан

обложи́||ться *сов.* 1. дар гирди худ туб кардан; ~**ться кни́гами** ба гирду атрофи худ китоб гузоштан 2. фаро гирифтан; **не́бо** ~**лось ту́чами** осмон пурабр шуд

обло́жка *ж* муқова, ҷилд

обложно́й, -а́я, -о́е *разг.* дурудароз, беист, беором; ~ **дождь** борони дурударoз

облока́чивать(ся) *несов. см.* **облокоти́ть(ся)**

обло́м *м* 1. (*по знач. гл.* **облома́ть, обломи́ть**) гирдогирд шикастан(и), шикаста гирифтан(и); (*по знач. гл.* **облома́ться, обломи́ться**) шикаста афтодан(и) 2. (*место слома*) ҷои шикаста 3. *архит.* тарҳи бурриши ҷиҳозоти меъморӣ; **прямолине́йные** ~**ы** тарҳи бурриши рости ҷиҳозоти меъморӣ 4. балқона (*ҷои барҷаҳидаи девори қалъа дар истеҳкомоти Руси Қадим*) 5. *перен. прост.* одами бесулуқай

облома́ть *сов.* 1. *что* гирдогирд шикастан, шикаста гирифтан; ~ **засо́хшие ве́тки** шохчаҳои хушкро шикаста гирифтан 2. *кого-что перен. разг.* итоат (розӣ) кунондан, сар фуру овардан, сар хам кунондан ◇ ~ **бока́** *кому прост.* задан, зарбу лат кардан; ~ **зу́бы на чём**, обо что ба чизе (ба коре) дандон нагузаштан; ~ **ко́гти кому́-л.** дасти касеро кутоҳ кардан; ~ **рога́ кому́-л.** шохи касеро шикастан, касеро мум барин мулоим кардан

облома́ться *сов. разг.* гирдогирд шикаста шудан, шикаста афтодан (рехтан, ғалтидан)

обломи́ть *сов. что* шикастан, шикаста афтондан (резондан, ғалтондан); ~ **сук** шохи дарахтро шикастан

обломи́ться *сов.* шикастан, шикаста афтодан (рехтан, ғалтидан)

обло́мовщина *ж* обломовчигӣ (*кинояаз номи қаҳрамони романи Гончаров «Обломов», ки одами ниҳоят танпарвару танбал буд*)

обло́мок *м* 1. шикастпора, тикка, пора, порча, булак; ~ **ста́туи** шикастпораи ҳайкал 2. *перен.* хароба, вайрона, боқимонда; ~ **про́шлого** боқимондаи замони гузашта

обло́мочн||ый, -ая, -ое *геол.* пора-пора; ~**ые го́рные поро́ды** ҷинсҳои кӯҳии пора-пора

облоно́ *м нескл.* (областно́й отде́л наро́дного образова́ния) шуъбаи вилоятии маорифи халқ

обло́паться *сов. груб. прост.* то аз даҳону бинӣ баромадан, шикам пур кардан, пур (мурданивор) хурдан

облупи́ть *сов. прост.* 1. *что* пуст кандан, муқашшар кардан; ~ **яйцо́** тухмро пуст кандан 2. *кого-что перен.* фиреб (фанд) додан, ғорат кардан, фирефтан; ~ **как ли́пку** лублуч (ғорат) кардан

облупи́||ться *сов.* 1. *прост.* пуст партофтан, пуст додан; **нос** ~**лся** биниӣ пӯст партофт 2. чудо шуда рехтан; **кра́ска** ~**лась** ранг ҷудо шуда рехт

облу́пленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пуст кандашуда 2. *прил.* кафида рехта; ~**ые сте́ны** деворҳои кафида рехта ◇ **знать кого́-л. как** ~**ого** *прост.* пусти касеро аз чармгарӣ шинохтан

облу́пливать *несов. см.* **облупи́ть**

облу́пливаться *несов.* 1. *см.* **облупи́ться**; 2. *страд.* пӯст канда шудан

облуча́ть *несов. см.* **облучи́ть**

облуча́ться *несов.* 1. *см.* **облучи́ться**; 2. *страд.* шуоъ занонда шудан

облуче́ние *с* (*по знач. гл.* **облучи́ть**) шуоъзанӣ, шуоъхурӣ

облучи́ть *сов. кого-что* шуоъ занондан, нур хурондан

облучи́ться *сов.* шуоъзада шудан, шуоъ хурдан

облучо́к *м* нишастгоҳи фойтунчӣ

облу́щивать *несов. см.* **облущи́ть**

облу́щиваться *несов. страд.* пуст канда шудан, муқашшар карда шудан

облущи́ть *сов. что* пуст кандан, муқашшар кардан; ~ **горо́х** нахудро муқашшар кардан

облы́жно *нареч. уст.* ноҳақ, носазо; ~ **обвини́ть** ноҳақ айбдор кардан

облы́жный, -ая, -ое *уст.* ноҳақ, носазо

облысе́лый, -ая, -ое тос, кал

облысе́ние *с* (*по знач. гл.* **облысе́ть**) тос (кал) шудан(и)

облысе́ть *сов.* тос (кал) шудан

облюбова́ть *сов. кого-что* хуш кардан, маъқул донистан, хоста гирифтан; ~ **местечко в саду́** дар боғ ҷоеро хуш кардан

облюбо́вывать *несов. см.* **облюбова́ть**

облюбо́вываться *несов. страд.* хуш карда шудан, хоста гирифта шудан, маъқул афтодан

обма́зать *сов.* 1. *что* ловидан, андова кардан, андудан; ~ **пе́чку гли́ной** печкаро бо гил андова кардан 2. *кого-что разг.* олуда (касиф) кардан, чиркин (ифлос) кардан, олондан

обма́заться *сов. разг.* олуда шудан, чиркин (ифлос) шудан, худро олондан; ~ **кра́ской** ранголуд шудан

обма́зка *ж* 1. (*по знач. гл.* **обма́зать**) ловиш, андова кардан(и), андудан(и) 2. андова; ~ **ха́ты отпа́ла** андоваи деворн хона рехтааст

обма́зывание *с см.* **обма́зка** 1

обма́зывать *несов. см.* **обма́зать**

обма́зываться *несов.* 1. *см.* **обма́заться**; 2. *страд.* молида шудан

обма́кивать *несов. см.* **обмакну́ть**

обма́киваться *несов. страд.* тар карда шудан, ғӯтонда шудан

обмакну́ть *сов. что* тар кардан, ғӯтондан, фурӯ додан; ~ **ки́сточку в кра́ску** муқаламро ба ранг фуру додан

обма́лывание *с см.* **обмоло́т**

обма́лывать *несов. см.* **обмоло́ть**

обма́лываться *несов. страд.* орд карда шудан

обма́н *м* 1. (*по знач. гл.* **обману́ть**) фиреб (фанд) додан(и), фирефтан(и); талбис; **соверши́ть** ~ фиреб додан, фирефтан 2. дуруғ, фиреб, гумроҳ кардан(и); **э́то** ~ ин дуруғ (фиреб) аст; **ввести́ в** ~ **кого́-л.** касеро ба иштибоҳ андохтан; **впасть в** ~ фиреб (фанд) хурдан 3. иштибоҳ, саҳв, хаёли хом; ~ **зре́ния** саҳви назар

обма́нка *ж мин.* иштибоҳа (*қисми таркибии номи баъзе минералҳо, ки фақат зоҳиран ба дигар минералҳо шабоҳат доранд*); **ци́нковая** ~ иштибоҳаи руҳ

обма́нн||ый, -ая, -ое ...и талбис, ...и фанд, фиребгарона; ~**ым путём** бо [роҳи] фиреб, бо талбис; ~**ые де́йствия** қаллобӣ

обману́ть *сов. кого-что* 1. фиреб (фанд) додан, фанд кардан, фирефтан, гул кардан (задан); 2. (*нарушить верность*) аҳд шикастан, хиёнат (бевафоӣ) кардан 3. (*обольстить*) ба номуси *касе* таҷовуз кардан

обману́ться *сов.* фиреб (фанд) хӯрдан, фирефта шудан; ~ **в свои́х ожида́ниях** ноумед шудан, умед бар бод рафтан

обма́нчивость *ж* фиребандагӣ, сохта (қалбакӣ) будан(и)

обма́нчив||ый, -ая, -ое (обма́нчив, -а, -о) фиребанда, бо талбис, назарфиреб; ~**ая вне́шность** қиёфаи назарфиреб

обма́нщик *м* фиребгар, талбискор, дуруғгу

обма́нывать *несов. см.* **обману́ть**

обма́нываться *несов.* 1. *см.* **обману́ться**; 2. *страд.* фиреб дода шудан

обмара́ть *сов. кого-что разг.* чиркин (ифлос, доғдор, олуда) кардан, олондан

обмара́ться *сов. разг.* худро чиркин (ифлос, доғдор, олуда) кардан, худро олондан

обма́сливать *несов. см.* **обма́слить**

обма́сливаться *несов.* 1. *см.* **обма́слиться**; 2. *страд.* равғанолуд карда шудан

обма́слить *сов. что разг.* 1. равған задан (молидан); ~ **блин** ба қуймоқ равған молидан 2. равғанолуд кардан, ба равған олондан

обма́слиться *сов. разг.* равғанолуд шудан

обма́тывание *с см.* обмо́тка 1
обма́тывать *несов. см.* обмота́ть
обма́тываться *несов.* 1. *см.* обмота́ться; 2. *страд.* печонда шудан
обма́хивать *несов. см.* обмахну́ть
обма́хиваться *несов.* 1. *см.* обмахну́ться; 2. *страд.* бод дода шудан
обмахну́ть *сов.* 1. *кого-что* шамол (бод) додан, бод кардан; ~ **лицо́ ве́ером** руйро бо бодбезак бод додан 2. *что* тоза (пок) кардан, руфтан; ~ **пыль с кни́жной по́лки** рафчаи китобро аз чанг тоза кардан
обмахну́ться *сов. чем* худро шамол (бод) додан; ~ **платко́м** худро бо руймолча бод додан
обма́чивать *несов. см.* обмочи́ть
обма́чиваться *несов.* 1. *см.* обмочи́ться; 2. *страд.* тар карда шудан
обмежева́ть *сов. что* рош (марза, вот) кашидан
обмежёвывать *несов. см.* обмежева́ть
обмежёвываться *несов. страд.* рош кашида шудан
обмеле́ние *с* (*по знач. гл.* **обмеле́ть**) камобшавӣ; ~ **реки́** камобшавии дарьё
обмеле́||ть *сов.* 1. камоб шудан; **река́** ~**ла** дарьё камоб шуд 2. *мор.* дармондан, банд шудан
обмельча́ть *сов.* 1. *разг.* хурдтар (майдатар) шудан 2. *перен.* майдагап (паст) шудан 3. камоб шудан
обме́н *м* 1. (*по знач. гл.* **обменя́ть**) иваз, бадал; (*по знач. гл.* **обменя́ться**) мубодила, муовиза; ~ **о́пытом** мубодилаи таҷриба; ~ **мне́ниями** мубодилаи афкор 2. *эк.* мубодила; **плани́рование** ~**а** ба план даровардани мубодила ◇ ~ **веще́ств** *физиол.* мубодилаи моддаҳо
обме́нивать *несов. см.* обменя́ть
обме́ниваться *несов.* 1. *см.* обменя́ться; 2. *страд.* иваз (бадал) карда шудан
обмени́ть(ся) *сов. прост. см.* **обменя́ть(ся)**
обме́нный, -ая, -ое ...и иваз, ...и бадал; ...и мубодила, ...и муовиза; ~ **фонд** фонди мубодила
обменя́ть *сов. кого-что* иваз (бадал) кардан; алиш кардан; ~ **па́спорт** паспортро иваз (нав) кардан
обменя́ться *сов.* 1. *кем-чем* мубодила (муовиза) кардан, бо ҳамдигар иваз (бадал) кардан; алиш кардан; ~ **кни́гами** ба ҳамдигар китоб додан; ~ **гало́шами** калушҳоро саҳван алиш кардан 2. *чем* мубодила кардан; ~ **о́пытом** мубодилаи таҷриба кардан; ~ **мне́ниями** мубодилаи афкор кардан
обме́р *м* (*по знач. гл.* **обме́рить**) андозагирӣ, андоза (чен) кардан(и); **произвести́** ~ **жилпло́щади** андозаи хонаро гирифтан
обмере́ть *сов. разг.* аз хуш рафтан, карахт (шах) шуда мондан; **он о́бмер от испу́га** у аз тарс шах шуда монд
обмерза́ние *с* (*по знач. гл.* **обмёрзнуть**) ях бастан(и), ях кардан(и)
обмерза́ть *несов. см.* обмёрзнуть
обмёрзлый, -ая, -ое *разг.* яхбаста, яхкарда
обмёрз||нуть *сов.* 1. шӯшалак бастан; **усы́** ~**ли** муйлаб шушалак баст 2. *прост.* хунук (сармо) хӯрдан, аз хунукӣ (аз сармо) шах (карахт) шудан
обме́ривание *с см.* обме́р
обме́ривать *несов. см.* обме́рить
обме́риваться *несов.* 1. *см.* обме́риться; 2. *страд.* андоза гирифта шудан
обме́рить *сов.* 1. *что* андоза (чен) кардан, андоза гирифтан; ~ **уча́сток** майдонро чен кардан 2. *кого-что разг.* аз улчак (аз тарозу) задан
обме́риться *сов. разг.* нодуруст чен кардан
обме́рка *ж* (*по знач. гл.* **обме́рить** 1) *разг.* андоза (чен) кардан(и), андозагирӣ; ~ **зда́ния** чен кардани бино
обме́рн||ый, -ая, -ое ...и андозагирӣ, ...и ченак; ~**ые да́нные** маълумоти ченкунӣ
обмеря́ть(ся) *несов. см.* **обме́ривать(ся)**
обмести́ *сов. что* руфтан, рубучин (пок) кардан; ~ **паути́ну** тори тортанакро руфта партофтан
обмёт *м охот.* тала, тури шикор (*тури калон барои доштани самур, қоқум, савсор ва дигар ҳайвоноти ёбой*)
обмета́ть I *несов. см.* **обмести́**
обмета́||ть II *сов. что* 1. кук кардан 2. *безл. разг.* табхол (донача) баровардан, донача давондан (задан); **гу́бы больно́го** ~**ло** лабони бемор табхол баровардааст
обмета́ться *несов. страд.* рубучин карда шудан
обмётка *ж разг. см.* **обмётывание**
обмётывание *с* (*по знач. гл.* **обмета́ть** II 1) кук кардан(и)
обмётывать *несов. см.* **обмета́ть** II
обмётываться *несов. страд.* кук карда шудан
обми́н *м* (*по знач. гл.* **обмя́ть**) афшор; ~ **се́на** афшори беда
обмина́ть *несов. см.* **обмя́ть**
обмина́ться *несов.* 1. *см.* **обмя́ться**; 2. *страд.* афшор дода шудан
обмира́ние *с* (*по знач. гл.* **обмере́ть**) беҳуш шудан(и), аз хуш рафтан(и)
обмира́ть *несов. см.* **обмере́ть**
обмишу́ливать(ся) *несов. см.* **обмишу́лить(ся)**
обмишу́лить *сов. кого прост.* аҳмак кардан, гул задан
обмишу́литься *сов. прост.* аҳмак шудан, хато кардан
обмишу́ривать(ся) *несов. см.* **обмишу́рить(ся)**
обмишу́рить(ся) *сов. см.* **обмишу́лить(ся)**
обмозгова́ть *сов. что прост.* майна об кардан, ақл давондан
обмозго́вывать *несов. см.* **обмозгова́ть**
обмозго́вываться *несов. страд.* майна об карда шудан
обмока́ть *несов. см.* **обмо́кнуть**
обмо́кнуть *сов. прост.* тар шудан, шилтиқ (шип-шилта) шудан
обмола́чиваниe *с см.* **обмоло́т** I
обмола́чивать *несов. см.* **обмолоти́ть**
обмола́чиваться *несов. страд.* куфта шудан
обмо́лви||ться *сов.* 1. (*оговориться*) саҳван (иштибоҳан, беихтиёр) гуфта мондан 2. *разг.* (*проговориться*) пукидан 3. гуфтан, гап задан; **он не** ~**лся ни еди́ным сло́вом** як даҳон ҳам гап назад
обмо́лвка *ж* хато, ғалат, саҳв (*дар гуфтор*)
обмоло́т *м* 1. (*по знач. гл.* **обмолоти́ть**) хирманкубӣ, ғаллакубӣ 2. (*количество обмолоченного зерна*) миқдори ҳосили хирман
обмолоти́ть *сов. что* хирманкӯбӣ (ғаллакубӣ) кардан, хуп ҳай кардан
обмоло́тки *мн. обл.* каҳреза
обмоло́точный, -ая, -ое *с.-х.* ...и ғаллакубӣ
обмоло́ть *сов. что* орд кардан, куфтан, кубидан
обмора́живание *с* (*по знач. гл.* **обморо́зить**) хунук (сармо) занондан(и), ях кунондан(и); (*по знач. гл.* **обморо́зиться**) хунук (сармо) задан(и), ях кардан(и)
обмора́живать *несов. см.* **обморо́зить**
обмора́живаться *несов.* 1. *см.* **обморо́зиться**; 2. *страд.* хунук занонда шудан
обморо́жение *с см.* **обмора́живание**
обморо́зить *сов. что* хунук (сармо) занондан, ях кунондан; ~ **лицо́** руйро хунук занондан
обморо́зиться *сов.* хунук (сармо) задан, ях кардан
о́бморок *м* беҳушӣ, беҳушшави, мадҳушӣ; **па́дать в** ~ беҳуш шудан, аз ҳуш рафтан
обморо́чить *сов. кого-что прост.* гул задан, аҳмақ кардан
о́бморочн||ый, -ая, -ое ...и беҳушӣ, ...и мадҳушӣ; ~**ое состоя́ние** ҳолати мадҳушӣ
обмота́ть *сов. кого-что* печондан, бастан, печонда бастан; ~ **го́лову чалмо́й** ба сар салла бастан
обмота́||ться *сов. разг.* 1. худро печондан (бастан) 2. печидан, печ хурдан; **верёвка** ~**лась вокру́г столба́** ресмон ба сутун печидааст
обмо́тк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **обмота́ть**) печондан(и) 2. руйпеч, руйкаш; **про́вод без** ~**и** сими луч 3. *эл.* печа (*қисми мошину дастгоҳҳои электрики барои ҳосил кардани майдони магнитӣ*); ~ **ротора** печаи ротор 4. *чаще мн.* **обмотки** пайтоба
обмо́точн||ый, -ая, -ое ...и печониш; печондашаванда, ...и печа; ~**ый цех** цехи печониш; ~**ая ле́нта** лентаи печондашаванда
обмочи́ть *сов. кого-что* тар кардан; ~ **рукава́** остинҳоро тар кардан
обмочи́ться *сов. разг.* 1. худро тар кардан, тар шудан 2. мезидан, шошидан
обмундирова́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **обмундирова́ть**) бо пушоки расмӣ таъмин кардан(и); (*по знач. гл.* **обмундирова́ться**) бо пӯшоки расмӣ таъмин шудан(и); ~ **солда́т** бо пушоки расмӣ таъминкунии аскарон 2. либоси расмӣ
обмундирова́ть *сов. кого-что* бо пушоки расмӣ таъмин кардан

обмундироваться *сов.* бо пӯшоки расмӣ таъмин шудан
обмундировка *ж разг. см.* **обмундирование**
обмундировочный, -ая, -ое ...и пушоки расмӣ; ~ **материал** матои пушоки расмӣ
обмундировывать *несов. см.* **обмундировать**
обмундировываться *несов.* 1. *см.* **обмундироваться**; 2. *страд.* бо пушоки расмӣ таъмин карда шудан
обмуровать *сов. что* хиштбаст (хиштбанд) кардан; ~ **печь** кураро хиштбаст кардан
обмуровка *ж* 1. (*по знач. гл.* **обмуровать**) хиштбаст (хиштбанд) кардан(и) 2. хиштбаст
обмуровщик *м* хиштбасткунанда
обмуровывание *с см.* **обмуровка** 1
обмуровывать *несов. см.* **обмуровать**
обмуровываться *несов. страд.* хиштбаст карда шудан
обмусливать(ся) *несов. см.* **обмусоливать(ся)**
обмуслить(ся) *сов. см.* **обмусолить(ся)**
обмусоливать *несов. см.* **обмусолить**
обмусоливаться *несов.* 1. *см.* **обмусолиться**; 2. *страд.* бо оби даҳон чиркин карда шудан
обмусолить *сов. кого-что разг.* бо оби даҳон чиркин кардан, оби даҳон паррондан
обмусолиться *сов. разг.* бо оби даҳон чиркин шудан
обмывание *с* (*по знач. гл.* **обмыть**) шустан(и), шустушу кардан(и)
обмывать *несов. см.* **обмыть**
обмываться *несов.* 1. *см.* **обмыться**; 2. *страд.* шуста шудан
обмывка *ж разг. см.* **обмывание**
обмывочный, -ая, -ое ...и шустушу, ...и тоза кардан(и); ~ **чан** чалаки калони чизшуӣ
обмызгани||ый, -ая, -ое *прост.* 1. *прич.* куҳнашуда, фитшуда 2. *прил.* ифлос, чиркин, кухна, фит; ~**ые рукава** остини чиркин
обмызгать *сов. что прост.* ифлос (чиркин) кардан; куҳна кардан
обмызгаться *сов. прост.* чиркин шудан; куҳна шудан
обмыливать *несов. см.* **обмылить**
обмыливаться *несов. страд.* собун зада шудан
обмылить *сов. кого-что прост.* собун задан
обмылок *м* 1. (*остаток мыла*) алқундӣ 2. *мн.* **обмылки** (*мыльная вода*) мағзоба
обмыть *сов.* 1. *кого-что* шустан, шустушу кардан, шуста тоза кардан 2. *что прост.* зиёфат додан, нушонуш кардан
обмы||ться *сов.* 1. худро шустан (шустушу(й) кардан); ~**ться с дороги** баъд аз сафар шустушуй кардан 2. тоза шудан, покиза (тамиз) шудан; **листья ~лись дождём** баргҳоро борон шуст
обмякать *несов. см.* **обмякнуть**
обмякнуть *сов.* 1. обгазид шудан; фалла шудан 2. ланҷ шудан; ~ **от жары** аз гармо ланҷ шудан 3. *перен.* аз ҷаҳл фаромадан
обмять *сов. что* афшор додан
обмяться *сов.* афшор дода шудан
обнаглеть *сов.* беҳаё (руйнатан, берӯ) шудан
обнадёживание *с* (*по знач. гл.* **обнадёжить**) умедвор (баумед) кардан(и)
обнадёживать *несов. см.* **обнадёжить**
обнадёживаться *несов. страд.* умедвор карда шудан
обнадёжить *сов. кого-что* умедвор (баумед) кардан; ~ **больного** беморро баумед кардан
обнажать *несов. см.* **обнажить**
обнажаться *несов.* 1. *см.* **обнажиться**; 2. *страд.* луч карда шудан
обнажение *с* 1. (*по знач. гл.* **обнажить**) луч (бараҳна) кардан(и); (*по знач. гл.* **обнажиться**) луч (бараҳна) шудан(и) 2. *геол.* падида
обнажённость *ж* 1. (*нагота*) луч (бараҳна) будан(и) 2. *перен.* ошкор (аён) будан(и), руйрост будан(и)
обнажённ||ый, -ая, -ое 1. луч, бараҳна, урьён 2. бебарг, урьён; (*о местности*) бедолу дарахт; ~**ые деревья** дарахтони бебарг; ~**ая земля** замини бедолу дарахт 3. падид, кушода; ~**ые пласты каменного угля** қабатҳои падиди ангиштсанг 4. *перен.* ошкор(о), аён, руйрост, кушоду пустканда; ~**ый цинизм** қабоҳати ошкоро
обнажить *сов.* 1. *кого-что* луч (бараҳна, урьён) кардан; ~ **плечо** китфро луч кардан 2. *что* бебарг (урьён) кардан 3. *что* намудор (намоён, аён) кардан, кушодан; ~ **зубы** дандон нишон додан 4. *что перен.* ошкор (аён, зоҳир) кардан; ~ **противоречия** зиддиятро ошкор кардан 5. *что* аз ғилоф кашидан, охтан; ~ **саблю** шамшер охтан 6. *что перен.* беҳимоя (бепаноҳ) монондан; ~ **правый фланг** майманаро беҳимоя монондан
обнажи||ться *сов.* 1. луч (бараҳна, урьён) шудан 2. бебарг (урьён) шудан; (*о местности*) бедолу дарахт шудан 3. намудор (намоён, аён) шудан, кушода шудан; **дно ~лось** қаъри об намоён шуд 4. *перен.* ошкор (аён, зоҳир) шудан 5. *перен.* беҳимоя (бепушту паноҳ) мондан; **фронт ~лся** фронт беҳимоя монд
обнародование *с* (*по знач. гл.* **обнародовать**) интишор кардан(и)
обнародовать *сов. что* интишор кардан; ~ **указ** фармонро интишор кардан
обнаружени||е *с* (*по знач. гл.* **обнаружить**) зоҳир (падидор, намоён) кардан(и); нишон додан(и); ёфтан(и); (*по знач. гл.* **обнаружиться**) зоҳир (падидор, намоён) шудан(и); маълум шудан(и); ёфт шудан(и); **средства ~я [противника]** *воен.* воситаҳои дарьёфт
обнаруживать *несов. см.* **обнаружить**
обнаруживаться *несов.* 1. *см.* **обнаружиться**; 2. *страд.* зоҳир (падидор) карда шудан
обнаружить *сов.* 1. *кого-что* зоҳир (падидор, намоён) кардан 2. *что* изҳор кардан, нишон додан; ~ **радость** изҳори хушнудӣ кардан 3. *кого-что* ёфтан, пайдо кардан; ~ **противника** душманро ёфтан 4. (*раскрыть, установить*) ошкор (ифшо, фош) кардан
обнаружи||ться *сов.* 1. зоҳир (падидор, намоён) шудан 2. маълум (аён) гардидан; **у него ~лись способности к музыке** ба мусиқӣ қобилият доштани у маълум гардид 3. ёфт (пайдо) шудан; ~**лась старинная рукопись** дастнависи қадимӣ ёфт шуд; **пропажа ~лась** чизи гумшуда ёфт шуд 4. маълум шудан; ~**лось, что он уехал** маълум шуд, ки у рафтааст
обнести *сов.* 1. (*вокруг чего-л.*) бардошта дар атрофи *чизе* гардондан 2. *что чем* иҳота кардан, девор кардан, тавора кашидан; ~ **сад забором** ба атрофи боғ тавора кашидан 3. *кого-что чем* оварда ба ҳама додан, давр зада ба ҳама таклиф кардан; ~ **гостей вином** давр зада ба меҳмонон май таклиф кардан 4. *кого-что чем* (*обходя с угощением, пропустить*) насибаи *касеро* надодан
обнимать *несов. см.* **обнять**
обниматься *несов.* 1. *см.* **обняться**; 2. *страд.* ба оғуш гирифта шудан
обнимк||а *ж*: **в ~у** *разг.* оғушкунон, бағалкунон; **ходить в ~у** бағалкунон гаштан
обнищал||ый, -ая, -ое гадошуда, харобшуда, муфлисшуда, қашшоқшуда; ~**ое хозяйство** хоҷагии харобшуда
обнищание *с* (*по знач. гл.* **обнищать**) гадо (камбағал, муфлис, бенаво) шудан(и)
обнищать *сов.* гадо (камбағал, муфлис, бенаво, фақир, қашшоқ) шудан
обнова *ж см.* **обновка**
обновитель *м* навкунанда, нававар, навпардоз
обновить *сов.* 1. *что* дуруст (соз) кардан, таъмир кардан; ~ **мебель** мебельро таъмир кардан // *кого-что перен.* аз нав сохтан, таҷдид кардан 2. *что* нав (дигар, тоза) кардан; ~ **аппаратуру** дастгоҳҳоро нав кардан; ~ **репертуар театра** репертуари театрро нав кардан 3. *что разг.* бори аввал кор фармудан, пушидан; ~ **платье** куртаи нав пушидан
обнови||ться *сов.* 1. аз нав барқарор шудан, таҷдид (нав) шудан 2. нав (дигар, тоза) шудан; **репертуар театра ~лся** репертуари театр нав шуд
обновка *ж разг.* чизи нав, сару по, либоси (пушоки, пойафзоли) нав
обновление *с* (*по знач. гл.* **обновить**) нав (дигар, тоза) кардан(и); (*по знач. гл.* **обновиться**) нав шудан(и)
обновлять *несов. см.* **обновить**
обновляться *несов.* 1. *см.* **обновиться**; 2. *страд.* нав (дигар) карда шудан
обножка *ж* 1. *пчел.* гарди гул 2. *мн.* **обножки** *с.-х.* пашми пою каллаи гусфанд
обносить I *сов. что разг.* 1. пушида муносиб кардан; ~ **новое платье** куртаи навро пушида ба тан муносиб кардан 2. пушида кухна (фит) кардан
обносить II *несов. см.* **обнести**
обноси||ться I *сов. разг.* 1. пушида

кӯҳна кардан, бе либос мондан; **он весь ～лся** ӯ ҳамаи либосҳояшро пӯшида кӯҳна кардааст 2. кӯҳна (фит) шудан; **туфли совсем ～лись** пойафзол тамоман кухна шудааст 3. боб (муносиб) шудан

обноси́ться II *несов. страд.* иҳота карда шудан

обно́ски *мн.* (*ед.* **обно́сок** *м*) *разг.* кӯҳнакола, чанда

обню́хать *сов. кого-что* бӯй кардан, бӯй кашидан, буидан

обню́хаться *сов. разг.* (*о животных*) ҳамдигарро буидан

обню́хивать *несов. см.* **обнюхать**

обню́хиваться *несов.* 1. *см.* **обню́хаться;** 2. *страд.* буида шудан

обня́ть *сов.* 1. *кого-что* ба оғуш гирифтан, ба бағал кашидан, оғуш (бағал) кардан; ～ **мать** модарро оғӯш кардан 2. *что перен.* фаро (дарбар) гирифтан; **за́рево обня́ло не́бо** шафақ осмонро фаро гирифт // *кого-что* фаро гирифтан, зер (пахш) кардан; **страх обнял зри́телей** дили тамошобинонро тарсу ваҳм зер кард 3. *что перен.* фаҳмидан, дарк (аз худ) кардан, сарфаҳм рафтан; **он не мог ～ всего́ происходя́щего** ба корубори зиндагӣ сарфаҳм намерафт

обня́ться *сов.* ҳамдигарро ба оғӯш (ба бағал) кашидан, ҳамдигарро оғӯш (бағал) кардан, ҳамоғӯш шудан

обо *предлог пешоянде, ки ба ҷои «о» ва «об» дар баъзе таркибҳо меояд:* ～ **мне** дар бораи ман; ～ **что** ба чизе; ～ **всём** дар бораи ҳама чиз; ～ **всех** дар бораи ҳама; *см.* **о** I

обо- *приставка префиксе, ки ба ҷои «о-» ва «об-» дар мавридҳои зерин меояд:* 1) *пеш аз «й»* — обойти́ давр зада гузаштан 2) *пеш аз ду ё зиёда ҳамсадоҳо* — обогну́ть хам карда печондан; **обобра́ть** ғун (ҷамъ) кардан 3) *пеш аз ҳамсадое, ки баъди он аломати «ь» меояд* — **обо́лью** мепошам; *см.* **о-**

обобра́ть *сов. разг.* 1. *что* ғун (ҷамъ, ҷамъоварӣ) кардан, ғундоштан, [бар] чидан; ～ **помидо́ры с куста́** помидорро аз буттааш чидан 2. *кого-что* (*ограбить*) зада гирифтан, ғорат кардан, ба яғмо бурдан

обобща́ть *несов. см.* **обобщи́ть**

обобща́ться *несов.* 1. *см.* **обобщи́ться;** 2. *страд.* ҷамъбаст карда шудан

обобще́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **обобщи́ть**) ҷамъбаст, ҷамъбаст кардан(и); ～ **о́пыта** ҷамъбасти таҷриба, ҷамъбаст кардани таҷриба 2. ҷамъбаст, хулоса; **сде́лать** ～ ҷамъбаст кардан, хулоса баровардан

обобщённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷамъбастшуда 2. *прил.* хулосавӣ; ～**ые фа́кты** далелҳои хулосавӣ 3. *прил.* типӣ; ～**ый о́браз** образи типӣ

обобществи́ть *сов. кого-что* умумӣ кардан, ҷамъиятӣ гардондан; ～ **сре́дства произво́дства** воситаҳои истеҳсолотро ҷамъиятӣ гардондан

обобществи́ться *сов.* умумӣ шудан, ҷамъиятӣ гардидан

обобществле́ние *с* (*по знач. гл.* **обобществи́ть**) умумӣ кардан(и), ҷамъиятӣ гардондан(и); ～ **земли́** ҷамъиятӣ гардондани замин

обобществлённый, -ая, -ое 1. *прич.* умумӣ (ҷамъиятӣ) кардашуда 2. *прил.* умумӣ, ҷамъиятӣ; ～ **се́ктор наро́дного хозя́йства** қисми ҷамъиятӣ кардашудаи хоҷагии халқ

обобществля́ть *несов. см.* **обобществи́ть**

обобществля́ться *несов.* 1. *см.* **обобществи́ться;** 2. *страд.* умумӣ карда шудан

обобщи́ть *сов. что* умумият додан, ҷамъбаст карда хулоса баровардан; ～ **наблюде́ния** мушоҳидаҳоро ҷамъбаст кардан

обобщи́ться *сов.* ҷамъбаст шудан, умумият ёфтан

обовши́веть *сов.* шабушин (шабушкин) шудан, шабуш кардан, шабуш пахш кардан

обогати́тель *м* 1. *тех.* (*специалист*) мутахассиси тозакунии маъдан 2. *тех.* (*вещество и т. п.*) моддаи тозакунии маъдан

обогати́тельн||ый, -ая, -ое ...и тозакунии маъдан; ～**ая фа́брика** корхонаи тозакунии маъдан

обогати́ть *сов.* 1. *кого-что* бой (пулдор) кардан 2. *что перен.* такмил додан, мукаммал (бой) кардан; ～ **язык** забонро бой кардан 3. *что* тоза кардан; ～ **руду́** маъданро тоза кардан

обогати́ться *сов.* 1. бой (пулдор) шудан 2. *перен.* такмил ёфтан, бой шудан 3. (*о почве, руде и т. п.*) тоза шудан

обогаща́емость *ж* қобилияти тозашавии маъдан; **разли́чная** ～ **минера́лов** гуногунии қобилияти тозашавии маъдан

обогаща́ть *несов. см.* **обогати́ть**

обогаща́ться *несов.* 1. *см.* **обогати́ться;** 2. *страд.* бой карда шудан; тоза карда шудан

обогаще́ние *с* (*по знач. гл.* **обогати́ть**) бой (пулдор) кардан(и); тоза кардан(и); (*по знач. гл.* **обогати́ться**) бой (пулдор) шудан(и); тоза шудан(и); **духо́вное и нра́вственное** ～ **челове́ка** бойшавии маънавӣ ва ахлоқии одам; ～ **языка́** бойшавии забон

обогна́ть *сов. кого-что* 1. давида гузаштан, пеш гузаштан, пеш рафтан, пешқадам шудан; ～ **маши́ну** аз мошин пеш гузаштан 2. *перен. разг.* бартарӣ (афзалият) пайдо кардан; ～ **в рабо́те кого-л.** дар кор аз касе пешрав (пешқадам) шудан

обогну́ть *сов. что* 1. хам карда (гардонда) печондан, қат карда шинондан; ～ **о́бруч вокру́г бо́чки** чанбаракро тоб дода ба чалак шинондан 2. аз гирди (аз паҳлуи) *чизе* гузаштан; ～ **мыс** аз пеши димоға гузаштан; ～ **дом** хонаро давр зада гузаштан

обоготворе́ние *с* (*по знач. гл.* **обоготвори́ть**) худо пиндоштан(и), худо донистан(и), парастиш; ～ **приро́ды** парастиши табиат

обоготвори́ть *сов. кого-что* худо пиндоштан (донистан), парастидан, саҷда кардан

обоготворя́ть *несов. см.* **обоготвори́ть**

обоготворя́ться *несов. страд.* парастида шудан

обогре́в *м тех. см.* **обогрева́ние**

обогрева́ние *с* (*по знач. гл.* **обогре́ть**) гарм кардан(и), тафсондан(и), тафсиш; (*по знач. гл.* **обогре́ться**) гарм шудан(и), тафсидан(и)

обогрева́ть *несов. см.* **обогре́ть**

обогрева́ться *несов.* 1. *см.* **обогре́ться;** 2. *страд.* гарм карда шудан

обогре́ть *сов. кого-что* гарм кардан, тафсондан; ～ **помеще́ние** хонаро гарм кардан

обогре́ться *сов.* гарм шудан, тафсидан

о́бод *м* 1. (*колеса*) чанбар 2. доира, чанбарак; қасқон; ～ **решета́** қасқони ғалбер

обод||о́к *м* 1. *уменьш. к* **о́бод** 2; 2. канора, ҳошия, зеҳ; **блю́дце с золоты́м** ～**ко́м** табақчаи ҳошияаш зарҳалӣ

ободо́чи||ый, -ая, -ое чанбаракшакл, доирашакл ◇ ～**ая кишка́** *анат.* рӯдаи ҳалқашакл (*як қисми рудаи ғафс аз кӯррӯда то рудаи рост*)

обдра́нец *м прост. см.* **оборва́нец**

обо́драин||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кандашуда, пуст кандашуда; харошидашуда 2. *прил.* дарида, ҷиғда-ҷиғда, лах-лах, пора-пора; (*о человеке*) либосдарида, чандапӯш; ～**ая ку́ртка** камзулчаи лах-лах

ободра́ть *сов.* 1. *что* кандан, пӯст кандан, муқашшар кардан, пӯстлоқ кардан 2. *кого-что разг.* харошидан, кандан 3. *что разг.* кӯҳна (фарсуда, афсурда) кардан 4. *перен. прост. см.* **обобрать** 2 ◇ ～ **как ли́пку** *прост.* лублуч намудан, ғорат кардан

ободра́ться *сов.* 1. канда шудан 2. *разг.* кӯҳна (фарсуда, афсурда) шудан 3. *прост.* пӯшида кӯҳна (лах-лах) кардан

ободре́ние *с* (*по знач. гл.* **ободри́ть**) рӯҳбаланд (дилгарм, зиндадил) кардан(и)

ободри́тельно *нареч.* далеркунона, дилбардорона; **он** ～ **кивну́л голово́й** ӯ дилбардорона сар ҷунбонд

ободри́тельный, -ая, -ое рӯҳбахш, дилгармкунанда, далеркунанда, зиндадилкунанда

ободри́ть *сов. кого-что* рӯҳбаланд (дилгарм, зиндадил) кардан

ободри́ться *сов.* руҳбаланд (дилгарм, зиндадил) шудан

ободря́ть *несов. см.* **ободри́ть**

ободря́ться *несов.* 1. *см.* **ободри́ться;** 2. *страд.* рӯҳбаланд карда шудан

ободря́юще *нареч.* рӯҳбаландкунон, далерона

ободря́ющ||ий, -ая, -ее руҳбахш, рӯҳафзо; ～**ие слова́** суханони рӯҳбахш

обо́его (обо́ему, обоим, об обоем) *числ. м, с уст.:* **лица** ～ **пола** зану мард

обоеполый, -ая, -ое *биол.* дуҷинса, хунсо

обоесторо́нний, -яя, -ее *уст.* дутарафа, ...и тарафайн

обожание *с* 1. (*по знач. гл.* обо-

жать 1) парастидан(и), парастиш 2. парастиш, таваҷҷуҳ

обожатель *м уст. разг.* 1. ҳаводор, мухлис 2. *шутл.* ошиқ

обожа||ть *сов.* 1. *кого-что* парастидан, муҳаббат (таваҷҷуҳ) доштан 2. *что прост.* хеле дуст доштан, нағз дидан; **я ～ю дыни** ман харбузаро бисьёр нағз мебинам

обождать *сов. кого-что и без доп. разг.* сабр кардан, нигарон (мунтазир) шудан, интизорӣ кашидан, нигоҳ карда истодан, маътал шудан

обожествить *сов. кого-что* худо пиндоштан (донистан), парастидан

обожествление *с* (*по знач. гл.* **обожествить**) худо пиндоштан(и), худо донистан(и), парастидан(и)

обожествлять *несов. см.* **обожествить**

обожествляться *несов. страд.* парастида шудан

обожрать *сов. кого груб. прост.* пурхурӣ карда ба касе зарар расондан

обожраться *сов. груб. прост.* ҳасан задан

обоз *м* 1. корвон, қофила 2. *уст. воен.* нақлиёт; **артиллерийский** ～ нақлиёти тӯпкашонӣ; **санитарный** ～ нақлиёти санитарӣ ◇ **тянуться (плестись) в** ～**е** аз ҳама ақиб омадан (мондан); кашола шуда омадан

обозвать *сов. кого-что* дашном додан, ҳақорат додан (кардан)

обозлить *сов. кого* оташин (хашмгин) кардан, ба қаҳру ғазаб овардан, ҷаҳли касеро хезондан, асабонӣ кардан

обозлиться *сов.* оташин (хашмгин, асабонӣ, бадхашм) шудан

обознаваться *несов. см.* **обознаться**

обознаться *сов. разг.* саҳв (иштибоҳ, хато) кардан (*дар шинохтани касе ё чизе*)

обозначать *несов.* 1. *см.* **обозначить**; 2. *что* (*значить*) ифода кардан, маънӣ доштан, фаҳмондан, нишон додан

обозначаться *несов.* 1. *см.* **обозначиться**; 2. *страд.* ишорат карда шудан

обозначени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **обозначить**) ишорат кардан(и), нишон додан(и) 2. аломат, ишорат, нишона; **условные** ～**я** аломатҳои шартӣ

обозначить *сов. что* 1. ишорат (аломат) кардан, нишон додан; ～ **на карте горы** кӯҳҳоро дар харита нишон додан // (*дать условное обозначение*) аломатҳои шартӣ гузоштан, бо аломатҳои шартӣ ишорат кардан; ～ **неизвестные иксом и игреком** ададҳои номаълумро бо икс ва игрек ишорат кардан 2. (*сделать заметным*) намоён (аён, зоҳир, возеҳ, ҳувайдо) кардан

обозначи||ться *сов.* намудор (намоён, аён, зоҳир, возеҳ, падидор) шудан; **вдали** ～**лись очертания гор** аз дур тарҳи кӯҳҳо намоён шуданд; **на лбу** ～**лись морщины** пешонааш чин шуд

обозник *м* аробакаш

обозн||ый, -ая, -ое 1. ...и корвон, ...и қофила; ...и нақлиёт; ～**ое снаряжение** асбобу анҷоми корвон; ～**ые лошади** аспҳои корвон 2. *в знач. сущ.* **обозный** *м* қофилабон

обозревание *с см.* **обозрение** I

обозреватель *м* воқеанигор, шореҳ; **политический** ～ шореҳи сиёсӣ

обозревать *несов. см.* **обозреть**

обозреваться *несов. страд.* дида (назар андохта) шудан

обозрени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **обозреть**) дидан(и), мушоҳида, назарандозӣ; **выставить картину для всеобщего** ～**я** суратро ба тамошои умум гузоштан 2. хулоса, назар; **международное** ～**е** хулосаи воқеаҳои байналхалқӣ; **литературное** ～**е** назаре ба адабиёт 3. *театр.* тамошо

обозреть *сов. книжн.* 1. *кого-что* дидан, мушоҳида кардан, назар андохтан, аз назар гузарондан, дида баромадан; ～ **местность с высоты** маҳалро аз баландие дидан 2. *что перен.* тадқиқ (таҳқиқ, таҳлил) кардан; ～ **исторический ход событий** сайри таърихии ҳодисаҳоро таҳлил кардан

обозрим||ый, -ая, -ое (обозрим, -а, -о) *книжн.* дидашаванда, қобили мушоҳида; ～**ое пространство** масоҳати дидашаванда

обозчик *м* аробакаш

обо||и I *тк. мн.* зардеворӣ (*қоғази гулдор ё нақшин, ки ба девори хона часпонда мешавад*); **оклеить комнату** ～**ями** ба девори хона зардеворӣ часпондан

обои II *числ. собир. прост. и обл. см.* **оба**

обойка *ж* 1. (*по знач. гл.* **обить**) рӯйкаш (рӯйпӯш, рӯйбаст) кардан(и) 2. (*часть мельницы*) ғаллатозакунак

обойки *тк. мн. с.-х.* каҳреза

обойма *ж* 1. тирдон 2. *тех.* ҳалқа, чанбарак, зеҳ, банд

обойн||ый, -ая, -ое ...и зардеворӣ; ～**ая фабрика** корхонаи истеҳсоли зардеворӣ // ...и рӯйкаш, ...и руйпуш, ...и рӯйбаст, рӯйкашбоб; ～**ая материя** матоъи рӯйкашбоб

обойти *сов. кого-что* 1. гирдогирд гаштан, гашта баромадан, давр (чарх) задан; **сторож обошёл двор** қаровул гирдогирди ҳавлиро гашта баромад // (*окружить*) миёнагир кардан; ～ **зверя** ҳайвони даррандаро миёнагир кардан // *воен.* давр зада ба паҳлуи (ба ақиби) душман гузаштан 2. *кого-что перен.* нарасидан; **смерть никого не обойдёт** аз аҷал гурез нест // *что перен.* (*в разговоре и т. п.*) гап назада гузаштан, қатъи назар кардан, дахл накардан; ～ **подробности** ба тафсилот дахл накардан; ～ **что-л. молчанием** қасдан дар бораи чизе гап назада гузаштан // *что перен.* (*уклониться от исполнения*) иҷро (риоя) накардан; ～ **закон** қонунро риоя накардан // *кого-что чем перен.* (*оставить без повышения, награды и т. п.*) бемукофот монондан; мансабашро боло накардан 3. *кого-что* (*побывать всюду*) ба ҳама ҷо рафтан, ҳама ҷоро дида омадан; ～ **все магазины** ҳамаи магазинҳоро дида баромадан // (*подойти к каждому*) ба назди ҳама омадан (рафтан); ҳамаро як-як дидан // (*распространиться*) паҳн шудан; **слух обошёл всю деревню** овоза сар то сари деҳа паҳн шуд 4. *кого-что* (*опередить*) пеш гузаштан (рафтан), пешқадам шудан // *перен.* бартарӣ (афзалият) пайдо кардан 5. *кого-что разг.* (*обмануть*) боб кардан, фанд (фиреб) додан, фирефтан, гул задан

обойтись *сов.* 1. *с кем-чем* рафтор (муомила) кардан; **с ним хорошо обошлись** ба у нағз муомила карданд 2. *разг.* арзидан, афтидан, фуромадан; **починка обошлась недорого** таъмир арзон афтид 3. *разг.* қаноат кардан, илоҷе ёфтан; ～ **без чьей-л. помощи** бе ёрии касе илоҷ ёфтан; **обойдёмся тем, что есть** ба будаш қаноат мекунем 4. *чаще безл. без кого-чего* руй додан, гузаштан, афтидан, анҷом ёфтан; **всё обошлось благополучно** кор ба хубӣ анҷом ёфт ◇ ～ **в копеечку** бисьёр қимат (гарон) афтидан; **даром не обойдётся** *что кому* оқибаташ хуб (ба хайр) намешавад

обойщик *м* устои руйкашӣ, рӯйкашкунандаи мебель

обок *разг.* 1. *нареч.* наздик, дар наздикӣ 2. *предлог с род.* дар паҳлуи... , дар канори... , дар назди... , дар пеши...

обокрасть *сов. кого-что* дуздидан

обол *м* обол (*воҳиди вазн ва тангаи нуқра, мис ва биринҷӣ дар Юнони Қадим ва Византия ва дар асрҳои 9—10 дар Голландия, Италия, Испания ва Португалия*)

оболванивать *несов. см.* **оболванить**

оболваниваться *несов.* 1. *см.* **оболваниться**; 2. *страд.* хомтарош(ӣ) карда шудан; фиреб дода шудан

оболванить *сов.* 1. *что* хомтарош(ӣ) кардан 2. *кого-что прост.* кӯтоҳ (калта) тарошидан, тамоман (тоза) тарошидан (*муйро*) 3. *кого-что* аҳмақ кардан; фиреб (фанд) додан, гул задан, фирефтан

оболваниться *сов. прост.* кутоҳ (калта) тарошидан, тамоман (тоза) тарошидан (*мӯйсари худро*)

оболгать *сов. кого-что* туҳмат кардан (задан), буҳтон (бадгуӣ) кардан, носазо гуфтан

оболонь *ж* 1. (*молодой слой древесины*) таки пусти дарахт 2. *обл.* (*жердь, бревно*) ходаи (ғулачуби) бепустлоқ

оболочка *ж* 1. пӯст, парда, ҷилд, ғилоф, кишр, лифофа; ～ **зерна** пусти дон; ～ **Земли** қишри Замин // *перен.* киёфа, афт 2. *анат.* ғишо, парда; **слизистая** ～ пардаи луобӣ 3. *ав.* ҷилд; ～ **аэростата** ҷилди аэростат

оболтус *м бран.* гаранг, ҳафтафаҳм; лаванд, ландаҳур

обольститель *м уст.* 1. мафтункунанда, фаттон, васвасакунанда 2. занбоз, духтарбоз, ҳаромхиштак

обольстительно *нареч.* дилфиребона, дилбарона, шефтагарона; ～ **улыбнуться** дилфиребона табассум кардан

обольстительность *ж* дилфиребӣ, дилбарӣ, фаттонӣ, ҷазобат

обольстительн||ый, -ая, -ое (обольстите|лен, -льна, -льно) дилбар, фаттон, ҷозиб, мафтункунанда, дилфиреб,

шефтакунанда; ~ая улыбка табассуми дилфиреб

обольсти́ть *сов. кого-что* 1. дил рабудан, шефта (мафтун) кардан, афсун (васваса) кардан 2. *уст.* ба номуси зан (духтар) расидан, занро (духтарро) аз роҳ баровардан

обольсти́ться *сов.* фирефта (шефта) шудан, ба васваса афтидан

обольща́ть *несов. см.* **обольсти́ть**

обольща́ться *несов.* 1. *см.* **обольсти́ться;** 2. *страд.* васваса карда шудан; аз роҳ бароварда шудан

обольще́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **обольсти́ть**) дилрабоӣ, шефта кардан(и), афсун кардан(и); аз роҳ баровардан(и) 2. васваса

обомлева́ть *несов. см.* **обомле́ть**

обомле́||ть *сов. разг.* мот шудан, дар ҳайрат мондан, ҳуш аз сар паридан, карахт шуда мондан; **он ~л от удивле́ния** у аз тааҷҷуб карахт шуда монд

обомшёлый, -ая, -ое ушна зеркарда, ушнадор, ушнарасида, ушнабаромада

обомше́ть *сов.* ушна зер кардан

обоняни||е *с* шомма, қувваи шомма; **о́рганы ~я** узвҳои шомма; **у него́ то́нкое ~е** ҳисси шоммаи у бисьёр нозук аст

обоня́тельный, -ая, -ое ...и шомма, ...и бӯидан; ~ **нерв** асаби шомма

обоня́ть *несов. что* бӯй кашидан (кардан), бӯидан, шамидан

обопрева́ть *несов. см.* **обопре́ть**

обопре́ть *сов. прост.* пусидан, аз гармӣ ва арақ пухтан; бӯй додан (овардан)

обо́ра *ж см.* **обо́ры**

обора́чиваемость *ж* 1. *эк.* муомилот, додугирифт; ~ **средств** муомилоти маблағ 2. рафтуомад, гардиш; ~ **ваго́нов** рафтуомади вагонҳо

обора́чивать *несов. см.* **оберну́ть** 3, 4

обора́чиваться *несов.* 1. *см.* **оберну́ться;** 2. *страд.* ба сурати чизе (ҳайвоне) даровaрда шудан

оборва́нец *м разг.* ҷандапуш, ҷулҳундипӯш

обо́рванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кандашуда 2. дарида, ҷирға-ҷирға, лах-лах, пора-пора; **па́рень в ~ой руба́хе** ҷавони куртааш дарида // (*в рваной одежде*) либосдарида, ҷандапуш

оборва́ть *сов.* 1. *что* кандан, баркандан, аз ҳар тараф чидан; ~ **ли́стья с ве́тки** баргҳои шохчаро кандан 2. *что* кандан, гусехтан; ~ **ни́тку** ресмонро кандан 3. *что перен.* қатъ кардан, буридан; ~ **разгово́р** суханро буридан, гуфтугуро қатъ кардан 4. *кого перен. разг.* даҳон бастан, сокит (ором, хомуш) кардан ◇ **у́ши** ~ **кому́-л.** гуши касеро кашидан, гушмол додан

оборва́||ться *сов.* 1. канда ҷудо шудан, канда шудан, гусистан; **ве́шалка у пальто́ ~ла́сь** бандаки пальто канда шуд 2. ғалтидан, афтидан; **~ться со скалы** аз болои харсанг ғалтидан 3. *перен.* қатъ (бурида бас) шудан; **разгово́р ~лся** гуфтугу қатъ шуд 4. *разг.* фасурда (фит) шудан, аз пушидан кухна шудан ◇ **се́рдце оборвало́сь** *у кого* дил аз хонааш (аз қолибаш) баромад

обо́рва́шка *м, ж см.* **обо́рвыш**

обо́рвыш *м разг.* ҷулҳундипуш, ҷандапӯш

обо́рк||а *ж* чин-чини (пар-пари) либос; **пла́тье с ~ой** куртаи чин-чин

обормо́т *м прост. бран.* нобакор, ношуд, бекора

оборо́н||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **обороня́ть, обороня́ться**) мудофиа, муҳофиза, дифоъ, ҳимоя; **перейти́ от ~ы к наступле́нию** аз мудофиа ба ҳуҷум гузаштан 2. хатти (воситаи) мудофиа; **прорва́ть вра́жескую ~у** хатти мудофиаи душманро рахна кардан

оборони́тельн||ый, -ая, -ое ...и мудофиа, ...и ҳимоя, мудофиавӣ, дифоӣ, ҳимоявӣ; **~ые сооруже́ния** иншооти мудофиа

оборони́ть *сов. см.* **обороня́ть**

оборони́ться *сов. см.* **обороня́ться** 1

оборо́нн||ый, -ая, -ое ...и мудофиа, ...и ҳимоя, мудофиавӣ, дифоӣ, ҳимоявӣ; **~ая промы́шленность** саноати ҳарбӣ; **~ый потенциа́л страны́** иктидори мудофиавии мамлакат

обороноспосо́бност||ь *ж* қобилияти мудофиавӣ (дифоӣ), қудрати ҳимоя; **укрепле́ние ~и страны́** мустаҳкам кардани қобилияти мудофиавии мамлакат

обороноспосо́бный, -ая, -ое (обороноспособ|ен, -на, -но) қобили мудофиа (дифоъ)

оборо́нческий, -ая, -ое *ист.* ...и мудофиачигӣ, мудофиавӣ

оборо́нчество *с ист.* мудофиачигӣ (*сиёсати ҳимояи давлати буржуазӣ ва манфиатҳои буржуазияи миллӣ аз тарафи партияҳои оппортунистии Интернационали II дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ таҳти шиори «ҳимояи ватан»*)

обороня́ть *несов. кого-что* мудофиа (дифоъ, ҳимоя) кардан, муҳофиза кардан; ~ **рубежи́** сарҳадро мудофиа кардан

обороня́ться *несов.* 1. худро мудофиа (дифоъ, ҳимоя) кардан 2. *страд.* мудофиа карда шудан

оборо́т *м* 1. гардиш, давр, рафтуомад; **коли́чество ~ов в мину́ту** миқдори гардиш дар як дақиқа; **поверну́ть ключ на два ~а** калидро ду бор тоб додан // (*переворачивание*) ругардон (чаппагардон) кардан(и), таку рӯ кардан(и); ~ **пласта́ при вспа́шке** ругардон кардани қабати хок дар вақти шудгор 2. гардиш; ~ **полевы́х культу́р** *с.-х.* киштгардон; ~ **капита́ла** *эк.* гардиши капитал; **нало́г с ~а** *эк.* андози (налоги) гардиш; **хозя́йственный** ~ гардиши хоҷагӣ; **вовлека́ть в** ~ ба муомилот даровардан 3. рафтуомад; ~ **ваго́нов** рафтуомади вагонҳо 4. савдо, додугирифт, гардиш, муомила; **пусти́ть де́ньги в** ~ пулро ба муомила даровардан 5. даҳлу харҷ, муомилотпулӣ; **годово́й** ~ даҳлу харҷи солона 6. истифода (истеъмол) кардан(и), кор фармудан(и), ба кор бурдан(и); **пусти́ть сло́во в** ~ калимаеро ба кор бурдан (маъмул кардан) 7. печухам, печутоб, хамгашт, гардиш, оринҷак; **печь име́ет четы́ре ~а** печь чор печухам дорад 8. тарз, тариқ, равиш, дигаргунӣ, шакл, ранг, сурат; **де́ло при́няло друго́й** ~ кор ранги дигар гирифт 9. пушти *чизе*; **написа́ть на ~е листа́** ба пушти коғаз навиштан 10. ибора, ҷумла, тарзи гуфтор, ҷумлабандӣ, сохти ҷумла; **пра́вильный** ~ **ре́чи** ибораи дуруст; **дееприча́стный** ~ ибораи феъли ҳол; **безли́чный** ~ ибораи бешахс ◇ **брать (взять) в** ~ **кого́-л.** 1) касеро тоб додан (сахт гирифтан) 2) касеро танбеҳ додан (сарзаниш кардан)

о́боротень *м фольк.* ҷошуда, тилисмшуда

оборо́тистость *ж см.* **оборо́тливость**

оборо́тистый, -ая, -ое (оборо́тист, -а, -о) *см.* **оборо́тливый**

обороти́ть *сов. прост. см.* **оберну́ть** 3, 4

обороти́ться *сов. прост. см.* **оберну́ться** 1, 4

оборо́тливость *ж разг.* корчаллонӣ, чусту чолокӣ, уҳдаборӣ, абҷирӣ; **прояви́ть** ~ чусту чолокӣ кардан

оборо́тливый, -ая, -ое (оборо́тлив, -а, -о) *разг.* корчаллон, чусту чолок, уҳдабаро, абҷир

оборо́тность *ж тех.* гардиш (*миқдори гардиши чарх дар муддати муайян*)

оборо́тн||ый, -ая, -ое 1. *эк.* гардон; **~ые сре́дства** маблағи гардон; **~ый капита́л** капитали гардон 2. баргардон; **~ое депо́** депои баргардон 3. чаппа, ...и тарафи чаппа (дигар), ...и пушт, ...и ақиб; **~ая сторона́ меда́ли** бадии коре (чизе)

обо́рочка *ж уменьш. к* **обо́рка**

обору́дование *с* 1. (*по знач. гл.* **обору́довать**) ҷиҳозонидан(и), таҷҳиз кардан(и); **зако́нчить** ~ **лаборато́рии** ҷиҳозонидани лабораторияро анҷом додан 2. таҷҳиз, таҷҳизот, абзор, асбобу анҷом, лавозимот; **хими́ческое** ~ таҷҳизоти химиявӣ; **стано́чное** ~ таҷҳизоти дастгоҳ; **энергети́ческое** ~ таҷҳизоти энергетики; **получи́ть но́вое** ~ асбобу анҷоми нав гирифтан

обору́довать *сов., несов. что* ҷиҳозонидан, таҷҳиз кардан; ~ **мастерску́ю** корхонаро ҷиҳозонидан

обору́доваться *несов. страд.* ҷиҳозонида шудан

обо́рчатый, -ая, -ое чин-чин, пар-пар; ~ **подо́л** домани чин-чин

обо́ры *мн.* (*ед.* **обо́ра** *ж*) *обл.* банди чорук, чорукбанд

обоса́бливать *несов. см.* **обосо́бить**

обоса́бливаться *несов.* 1. *см.* **обосо́биться;** 2. *страд.* ҷудо карда шудан

обоснова́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **обоснова́ть**) боасос кардан(и), далел овардан(и) 2. далел, асос, бурҳон, санад; **нау́чное** ~ асосноккунии илмӣ

обосно́ванность *ж* боасос будан(и), санад доштан(и); **нау́чная** ~ **вы́водов** аз ҷиҳати илмӣ боасос будани хулосаҳо

обосно́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* боасос кардашуда, собитшуда 2. *прил.*

(обоснован, -на, -но) боасос, далелдор; ~ое решение қарори асоснок

обосновать *сов. что* асоснок кардан, далел (бурҳон) овардан, собит (исбот) кардан, санад овардан; ~ **своё мнение** фикри худро собит кардан

обосноваться *сов. разг.* сокин (маскун) шудан, ҷой (манзил, маскан) гирифтан; ~ **на новом месте** дар ҷои нав маскан гирифтан

обосновывать *несов. см.* **обосновать**

обосновываться I *несов. см.* **обосноваться**

обосновываться II *несов. страд.* асоснок карда шудан

обособить *сов.* 1. *кого-что* ҷудо кардан (карда шудан) 2. *что грам.* мустақил кардан; ~ **деепричастный оборот** ибораи феъли ҳолро мустақил кардан

обособиться *сов.* 1. ҷудо шудан, ҷудо шуда мондан, худро дур (канора) гирифтан (доштан), канорагирӣ кардан, махсур будан 2. *грам.* мустақил шудан

обособление *с* (*по знач. гл.* **обособить**) ҷудо кардан(и); мустақил кардан(и); (*по знач. гл.* **обособиться**) ҷудошавӣ, канорагирӣ; мустақил шудан(и)

обособленность *ж* ҷудо будан(и), махсурият; **национальная** ~ махсурияти миллӣ

обособленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷудо кардашуда 2. *прил.* (обособлен, -на, -но) ҷудогона, ҷудо, алоҳида; махсус, махсур; ~**ое положение** вазъияти махсус 3. *прил. грам.* мустақил; ~**ые члены предложения** аъзоҳои мустақили ҷумла

обособлять(ся) *несов. см.* **обосабливать(ся)**

обострение *с* (*по знач. гл.* **обострить**) тез (пуршиддат, шадид) кардан(и); (*по знач. гл.* **обостриться**) тез (пуршиддат) шудан(и), авҷ гирифтан(и); ~ **противоречий** тезутунд шудани зиддиятҳо

обострённость *ж* 1. тез (нозук, ҳассос) будан(и); ~ **слуха** тез будани қуввои сомеа 2. тезутундӣ, шиддат; ~ **отношений** тезутундии муносибатҳо

обострённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тезутундшуда, шадид 2. *прил.* (*о чертах лица*) коҳида, лоғар 3. *прил.* тез, нозук, ҳассос; ~**ый слух** гӯши тез (шунаво) 4. *прил.* тезутунд, шадид, бад, сахт; ~**ая обстановка** вазъияти тезутунд

обострить *сов. что* 1. тез (ҳассос) кардан; ~ зрение чашмро тез кардан 2. тез (тезутунд, пуршиддат, шадид) кардан; ~ **положение** вазъиятро тезутунд кардан

обостри||ться *сов.* 1. (*о чертах лица*) борик (хароб, лоғар) шудан, коҳидан, кашида шудан 2. (*об ощущении, восприятии*) тез (нозук, ҳассос) шудан 3. тез (пуршиддат, шиддатнок) шудан, авҷ гирифтан, бадтар (сахттар) шудан, зӯр шудан; **кризис** ~**лся** буҳрон шиддат ёфт

обострять *несов. см.* **обострить**

обостряться *несов.* 1. *см.* **обостриться**; 2. *страд.* тезутунд карда шудан

обочин||а *ж* канор, паҳлу, лаб; **ехать** ~**ой дороги** лаб-лаби роҳ рафтан; **идти** ~**ой леса** аз канори ҷангал рафтан

обоюдность *ж* дутарафа (тарафайн) будан(и); ~ **согласия** ризомандии тарафайн

обоюдн||ый, -ая, -ое (обоюд|ен, -на, -но) дутарафа, дуҷониба, ...и тарафайн, ...и ҷонибайн; **по** ~**ому согласию** бо ризомандии тарафайн

обоюдо= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «тарафайн», «ҷонибайн», «ҳар ду тараф», «ҳамдигар», «якдигар»*: **обоюдовыгодный** ба ҳар ду тараф фоиданок

обоюдовыгод||ный, -ая, -ое ба ҳар ду тараф фоиданок; ~**ое соглашение** муомилаи ба ҳар ду тараф фоиданок

обоюдоострый, -ая -ое 1. дудама, дутеға; ~ **меч** шамшери дудама 2. *перен.* духӯра

обоюдосторонн||ий, -яя, -ее дутарафа, дуҷониба; ~**ее соглашение** қарордоди дутарафа

обрабатываемость *ж* қобили коркард будан(и); қобили такмил будан(и)

обрабатывание *с* (*по знач. гл.* **обработать**) кор карда баромадан(и); такмил додан(и)

обрабатывать *несов. см.* **обработать**

обрабатываться *несов. страд.* такмил дода шудан

обрабатывающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* коркардабароянда 2. *прил.* маснуотбарор; ~**ая промышленность** саноати маснуотбарор

обработать *сов.* 1. *что* кор карда баромадан, кардан, сохтан, соз кардан; ~ **кожу** даббоғӣ кардан 2. *что* шудгор кардан; ~ **землю** заминро шудгор кардан 3. *что* такмил додан, сохта тамом кардан, ислоҳ кардан; ~ **стиль статьи** услуби мақоларо ислоҳ кардан 4. *кого-что прост.* (*повлиять*) розӣ кардан (кунондан) 5. *что прост.* корчаллонӣ кардан; ~ **дельце** кореро чолокона анҷом додан

обработк||а *ж* (*по знач. гл.* **обработать**) коркард кардан(и), сохтан(и); шудгор кардан(и); **литературная** ~**а очерка** таҳрири адабии очерк ◇ **брать (взять) в** ~**у** *кого* ба гап даровардан, розӣ кардан

обравнивать *несов. см.* **обровнять**

обравниваться *несов. страд.* ҳамвор карда шудан

обрадованный, -ая, -ое 1. *прич.* хурсандшуда, хушнудшуда 2. *прил.* хурсанд, шод, хушҳол, хушнуд; ~ **вид** қиёфаи шод

обрадовать *сов. кого-что* хурсанд (шод, хушҳол, хушнуд) кардан

обрадоваться *сов. кому-чему и без доп.* хурсанд (шод, хушҳол, хушнуд) шудан

общественн||ый, -ая, -ое 1. ҷамъиятӣ, ҷамоатӣ, иҷтимоӣ; **~ый строй** сохти иҷтимоӣ; **~ое производство** истеҳсоли ҷамъиятӣ; **~ое мнение** афкори омма (умум); **~ые науки** фанҳои ҷамъиятшиносӣ; **~ый долг** вазифашиносии ҷамъиятӣ; **~ые организации** ташкилоти ҷамъиятӣ; **~ая работа** кори ҷамъиятӣ 2. муштарак, оммавӣ, умумӣ, якҷоя, ҷамъиятӣ; **~ая собственность** моликияти ҷамъиятӣ; **~ая библиотека** китобхонаи оммавӣ 3. *разг.* улфат, маҳфилоро, маъракаоро; **~ый человек** одами улфат ◇ **~ый обвинитель** айбдоркунандаи ҷамъиятӣ; **~ое порицание** танбеҳи ҷамъиятӣ

общество *с* 1. ҷамъият, ҷамоат; **коммунистическое ~** ҷамъияти коммунистӣ; **первобытное ~** ҷамъияти ибтидоӣ; **человеческое ~** инсоният 2. ҷамъият, ташкилот, ширкат, иттиҳодия; **акционерное ~** ширкати саҳмдорон; **спортивное ~** ҷамъияти спортӣ 3. маҳфил, маърака, мардум, доира; **собралось многочисленное ~** мардуми бисьёре ҷамъ шуд; **он душа общества** у ҷони (чароғи) маҳфил аст, у маҳфилорост 4. *(привилегированный круг людей)* табақаи бологишинон, аъёну ашроф 5. *уст (крестьянская община)* ҷамоати деҳқонон

обществоведение *с уст.* ҷамъиятшиносӣ

обществоведческий, -ая, -ое *уст.* ...и ҷамъиятшиносӣ

общетеоретическ||ий, -ая, -ое умуминазариявӣ, ...и назарияи умумӣ; **~ие вопросы** масъалаҳои назарияи умумӣ

общеукрепляющ||ий, -ая, -ее ...и умумимуқаввӣ; **~ие средства** доруи умумимуқаввӣ

общеупотребительность *ж* маъмул (серистеъмол) будан(и)

общеупотребительн||ый, -ая, -ое (общеупотребите|лен, -льна, -льно) маъмул, серистеъмол; **~ое слово** калимаи маъмул

общеустановленный, -ая, -ое мақбули ҳама (умум)

общечеловеческий, -ая, -ое умумиинсонӣ, умумибашарӣ

общ||ий, -ая, -ее (общ, обща, обще) 1. умумӣ; **~ее правило** қоидаи умумӣ; **~ее собрание** маҷлиси умумӣ 2. умумӣ, муштарак, шарикӣ; **~ая работа** кори муштарак; **~ие деньги** пули шарикӣ 3. умумӣ, яххела; **~ие интересы** манфиатҳои умумӣ // *в знач. сущ.* **общее** *с* монандӣ, монанд будан(и), шабоҳат, алоқа, муносибат, робита; **у них много ~его** онҳо аз бисьёр ҷиҳат монандӣ доранд 4. яклухт, ҷамъ, ҷамъулҷамъ, кул, ҷамъбаст; **~ий итог** ҷамъулҷамъ; **~ая сумма** маблағи ҷамъулҷамъ 5. умумӣ; **~ее впечатление** тасаввуроти умумӣ ◇ **~ее место** гапи забонзадшуда; **места ~его пользования** ҷойҳои истифодаи умум; **в ~ем** умуман, хулласи калом, ниҳоят; **в ~ем я согласен** ман умуман розӣ ҳастам; **в ~ем и целом** умуман гуем; **в ~ей сложности** умуман гирем, ҷамъулҷамъ; **найти ~ий язык** якзабон шудан; **не иметь ничего ~его** муносибате надоштан; **привести к ~ему знаменателю** ба як махраҷ овардан; ба як ҳолат овардан

община *ж* 1. *ист.* община *(шакли иттиҳоди одамон, ки асосан ба ҷамъияти ибтидоӣ хос буда, ба ҷамъиятӣ будани воситаҳои истеҳсолот ва ба худидоракунии ҷузъӣ ё пурра асос меёфт)* 2. *уст.* маҳфил, ҷамоат; **религиозная ~** ҷамоати динӣ

общинник *м ист.* аҳли община

общинн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и община; **~ая собственность** моликияти община

общипать *сов. кого-что* 1. кандан, пар кандан; **~ курицу** мурғро пар кандан 2. *перен. прост.* луччак (ғорат) кардан

общипывать *несов. см.* **общипать**

общипываться *несов. страд.* канда (пар канда) шудан

общительность *ж* улфатӣ, одамдустӣ; **~ характера** улфатӣ, хушхулқӣ

общительный, -ая, -ое (общите|лен,

-льна, -льно) улфат, одамдуст, хушхулқ; ~ **человек** одами улфат

общность *ж* умумият, умумӣ будан(и), умумият доштан(и); ~ **интерёсов** умумӣ будани манфиатҳо; ~ **людей** умумияти одамон

общо *нареч. разг.* умуман, мухтасар, бетафсил, кутоҳ

объ= *приставка префиксе, ки ба ҷои «о=» пеш аз садонокҳои йотбарсари «ё», «ю», «я» меояд:* **объёхать** савора давр зада гузаштан; **объяснить** эзоҳ (шарҳ) додан; *см.* «о=»

объегоривать *несов. см.* **объегорить**

объегорить *сов. кого-что прост.* фиреб (фанд) додан, гул задан

объедала *м, ж прост.* шикампараст, баднафс

объедать *несов. см.* **объесть**

объедаться *несов.* 1. *см.* **объесться;** 2. *страд.* хурда шудан

объедение *с* 1. *уст.* пурхӯрӣ, баднафсӣ 2. *в знач. сказ. разг.* лазиз (гуворо, хушмаза) аст

объединение *с* 1. (*по знач. гл.* **объединить**) муттаҳид (якҷоя) кардан(и); (*по знач. гл.* **объединиться**) муттаҳид (якҷоя) шудан(и) 2. иттиҳод, иттиҳодия, иттифоқ, ташкилот; **литературное** ~ иттиҳодияи адабӣ; ~ **равноправных Советских Социалистических Республик** иттиҳоди Республикаҳои баробарҳуқуқи Советии Социалистӣ

объединённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* муттаҳид кардашуда 2. *прил.* якҷоя, муттаҳид; **~ое заседание** маҷлиси якҷоя; **Организация Объединённых Наций** Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида

объединитель *м* муттаҳидкунанда, яккунанда

объединительный, -ая, -ое муттаҳидкунанда; ~ **съезд** съезди муттаҳидкунанда

объединить *сов. кого-что* муттаҳид (якҷоя) кардан; ~ **группы** гурӯҳҳоро якҷоя кардан; ~ **силы мира** қувваҳои сулҳро муттаҳид кардан

объединиться *сов.* муттаҳид (якҷоя) шудан

объединять *несов. см.* **объединить**

объединяться *несов.* 1. *см.* **объединиться;** 2. *страд.* муттаҳид карда шудан

объедки *мн.* (*ед.* **объедок** *м*) *разг.* сарқут; нишхурд

объезд *м* 1. (*по знач. гл.* **объехать, объездить**) савора давр зада гузаштан(и); аз паҳлуи чизе гузаштан(и); пеш гузаштан(и); ром кунондан(и) 2. (*место*) роҳи давродавр 3. *уст.* (*дозор*) талоя

объездить *сов.* 1. *см.* **объехать** 3; 2. *кого* омухтан, ром (одат) кунондан

объездка *ж* (*по знач. гл.* **объездить** 2) омухтан(и), ром (одат) кунондан(и); ~ **лошадей** ба саворӣ (ба ароба) омухтани аспҳо

объездн||ой, -ая, -ое давродавр; **~ая дорога** роҳи давродавр

объездчик *м* қаровули (посбони) савора, дидбони савора; ~ **лесхоза** қаровули хоҷагии ҷангал

объезжать I *несов. см.* **объехать**

объезжать II *несов. см.* **объездить**

объезжаться I *несов. страд.* аз паҳлу гузашта шудан

объезжаться II *несов. страд.* омухта шудан

объезж||ий, -ая, -ее *см.* **объездной**

объект *м* 1. *филос.* объект (*он чи, ки берун аз мо ва новобаста ба шуури мо вуҷуд дорад*) 2. объект, чиз, мавзуъ, мақсад; ~ **наблюдения** объекти мушоҳида 3. объект, корхона, иморат, иншоот, сохтмон; **военный** ~ объекти ҳарбӣ 4. *грам.* пуркунанда

объектив *м* объектив (*қисми асбоби оптикӣ*)

объективация *ж см.* **объективизация**

объективизация *ж книжн.* таҷассум кунондан(и)

объективизм *м* 1. *см.* **объективность** 2; 2. *филос.* объективизм (*ҷаҳонбинии хилофи марксизм, ки таҳлили синфии ҳодисаҳои ҷамъиятро инкор мекунад ва идрокро ба тарафи «бетарафии» иҷтимоӣ ва сиёсӣ равона менамояд*)

объективно *нареч.* объективона, холисона, беғаразона

объективность *ж* 1. *филос.* воқеият, объективӣ будан(и); ~ **внешнего мира** воқеияти олами берунӣ 2. бетарафӣ, холисӣ, беғаразӣ; ~ **вывода** беғаразии хулоса

объективн||ый, -ая, -ое (объективен, -на, -но) 1. воқеӣ, объективӣ; **~ый мир** *филос.* олами воқеӣ; **~ая реальность** *филос.* ҳақиқати воқеӣ; **~ые причины** сабабҳои объективӣ 2. бетараф(она), холис(она), беғараз(она); **~ое отношение** муносибати холисона; **~ый свидетель** шоҳиди беғараз ◇ **~ый идеализм** *филос.* идеализми объективӣ

объектн||ый, -ая, -ое 1. *филос.* объекти, ...и объект 2. *грам.* ...и пуркунанда; **~ые отношения** алоқаи пуркунанда

объём *м* 1. ҳаҷм, андоза; ~ **куба** ҳаҷми мукааб; ~ **здания** ҳаҷми бино 2. *перен.* савия, вусъат миқдор; ~ **знаний** савияи дониш

объёмистость *ж* ғафсӣ, калонҳаҷмӣ, калонӣ, бузургӣ

объёмист||ый, -ая, -ое (объёмист, -а, -о) ...и ҳаҷмаш калон; ғафс, калон, бузург; **~ая пачка газет** дастаи калони газетаҳо

объёмность *ж* ҳаҷмдор будан(и); ~ **изображения** ҳаҷмдор будани тасвир

объёмн||ый, -ая, -ое ҳаҷмӣ, ...и ҳаҷм; **~ый коэффициент расширения** *физ.* коэффициенти васеъшавии ҳаҷм; **~ое изображение** тасвири ҳаҷмдор

объе||сть *сов.* 1. *что* болои (руҷ, нуки) *чизеро* хурдан (хоидан); **гусеницы ~ли капусту** кирмҳо барги карамро хурданд 2. *кого-что разг.* бисьёр хурда зарар расондан (*ба касе*)

объесться *сов.* баднафсӣ (шикампарастӣ, пурхӯрӣ) кардан; ~ **сладким** ширинии бисьёр хӯрда бетоб шудан ◇ **белены объелся** *груб. прост.* ақлашро хурдааст, девона шудааст

объехать *сов. кого-что* 1. *тж. без доп.* савора давр зада гузаштан; ~ **кругом озера** савора кулро давр зада гузаштан 2. аз паҳлу гузаштан; ~ **яму** аз паҳлуи чуқурӣ гузаштан 3. ба ҳама (ба тамоми) ҷо сафар (саёҳат, сайр) кардан чаҳонгашта шудан; ~ **всю страну** сар то сари мамлакатро саёҳат кардан; ~ **всех друзей** ба назди ҳамаи рафиқон рафта омадан 4. *разг.* (*перегнать*) пеш гузаштан ◇ **на козе (на кривой, на вороных) не объедешь** *кого прост.* ҳеҷ фиреб додан мумкин нест

объявить *сов.* 1. *что, о чём* эълон кардан, ҷор задан, маълум (изҳор, баён) кардан, гуфтан; ~ **о своём решении** қарори худро эълон кардан; ~ **приказ по армии** фармонро ба армия эълон кардан 2. *кого-что кем-чем* донистан, шумурдан, эълон кардан; ~ **собрание открытым** маҷлисро кушода эълон кардан; ~ **кого-л. мошенником** касеро қаллоб донистан

объявиться *сов. прост.* пайдо шудан

объявление *с* 1. (*по знач. гл.* **объявить**) эълон кардан(и); ~ **приговора** эълон кардани ҳукм 2. эълон; **повесить** ~ эълон овехтан; **дать** ~ **в газету** дар газета эълон кардан

объявлять *несов. см.* **объявить**

объявляться *несов.* 1. *см.* **объявиться;** 2. *страд.* эълон карда шудан

объяснени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **объяснить**) эзоҳ (шарҳ) додан(и), баён, таъбир; **~е непонятных слов** эзоҳ додани калимаҳои номафҳум 2. (*по знач. гл.* **объясниться** 1) гуфтугу, гуфтугузор 3. сабаб, боис, далел, асос; **представить свои ~я** далелҳои худро баён кардан; **этому делу есть ~е** ин кор сабаб (асос) дорад ◇ **~е в любви** изҳори муҳаббат

объяснимы||ый, -ая, -ое (объясним, -а, -о) маълум, равшан, босабаб; **это вполне ~ое явление** ин ҳодиса маълуму равшан аст

объяснительн||ый, -ая, -ое эзоҳӣ, шарҳдиҳанда, баёнӣ; **~ая записка** эзоҳнома

объяснить *сов. что* эзоҳ (шарҳ) додан, баён (маънидод) кардан, таъбир (тафсир) кардан; ~ **решение задачи** роҳи ҳалли масъаларо шарҳ додан

объясни||ться *сов.* 1. гуфтугу (гуфтугузор) кардан, роз гуфтан; **друзья ~лись** дустон рози дил гуфтанд 2. маълум (равшан) шудан ◇ **~ться в любви** изҳори муҳаббат кардан

объяснять *несов. см.* **объяснить**

объясня||ться *несов.* 1. *см.* **объясниться;** 2. гуфтугу кардан, гап задан; **~ться по-русски** ба забони русӣ гап задан 3. *чем* сабаби чизе будан; **этот факт ~ется тем, что...** сабаби ин воқеа ҳамин аст, ки... 4. *страд.* эзоҳ (шарҳ) дода шудан

объяти||е *с* оғуш, бағал, канор, бар; **броситься кому-л. в ~я** худро ба оғуши касе партофтан; **заключить в ~я** оғуш кардан, ба оғуш кашидан (гирифтан); **раскрыть ~я** *кому* оғуш (бағал) кушодан; **душить в ~ях** сахт оғӯш кардан ◇ **принять (встретить) с рас-**

простёртыми ~ями меҳрубонона пешвоз гирифтан

объя||ть *сов.* 1. *кого-что* фаро (дар бар) гирифтан; **дом ~т пла́менем** хона аланга гирифт 2. *что (осознать)* дарк кардан, ба куллӣ фаҳмидан

обыва́тел||ь *м* 1. *уст.* сокин, аҳл; **~и го́рода** сокинони шаҳр 2. *неодобр.* тангназар, худбин, бепарво

обыва́тельск||ий, -ая, -ое 1. *уст.* ...и сокини маҳалли 2. *неодобр.* тангназарона, худбинона; **~ие представле́ния** тасаввуроти тангназарона

обыва́тельщина *ж неодобр.* тангназарӣ, худбинӣ

обыгра́ть *сов.* 1. *кого-что* бурдан, ғолиб омадан; **~ партнёра** ҳарифро бурдан 2. *что театр.* бозӣ доронидан; **~ ка́ждую дета́ль пье́сы** хурдтарин ҷузъиёти пьесаро бозӣ доронидан // *уст.* муғолата кардан *(ғалат рафтани мусоҳибро истифода бурда, дар баҳс мулзам кардан)* 3. *что разг.* коро кардан *(асбоби мусиқиро бисьёр истифода бурда коро, дастбоб кардан)*

обы́грывать *несов. см.* **обыгра́ть**

обы́денность *ж* ҳарруза (муқаррарӣ, рӯзмарра) будан(и)

обы́денн||ый, -ая, -ое ҳарруза, оддӣ, муқаррарӣ, одатӣ, рӯзмарра; **~ая жизнь** ҳаёти рузмарра

обыдёнщина *ж* кору бори муқаррарӣ, ташвиши (давуғеҷи) ҳарруза, ташвиши рӯзгор

обызвествле́ние *с* оҳак бастан(и), оҳакдор шудан(и)

обыкнове́ни||е *с* одат, расм, расму таомул; **по ~ю** одатан; аз руи расму таомул; **про́тив ~я** бар хилофи одат

обыкнове́нно *нареч.* одатан, аз руи таомул, мисли ҳамеша; аксаран, аксари вақт; **ве́чером он ~ соверша́л прогу́лку** ҳар бегоҳӣ у одатан гардиш мекард

обыкнове́нн||ый, -ая, -ое (обыкнове́н|ен, -на, -но) 1. оддӣ, одатӣ, муқаррарӣ; ҳарруза, рузмарра; **~ое явле́ние** ҳодисаи муқаррарӣ; **он ~ый челове́к** у одами муқаррарист; **~ые дела́** кору бори рузмарра // *в знач. сущ.* **обыкнове́нное** *с* чизи оддӣ (муқаррарӣ); **они говори́ли о са́мом ~ом** онҳо дар бораи чизҳои муқаррарӣ гуфтугу мекарданд 2. *қисми таркибии номи баъзе намудҳои наботот ва ҳайвонот* муқаррарӣ; **сире́нь ~ая** ёси муқаррарӣ; **я́щерица ~ая** калтакалоси муқаррарӣ ◇ **быстре́е (гро́мче, ни́же** *и т. п.*) **~ого** аз муқаррарӣ тезтар (баландтар, пасттар)

обы́ндеветь *сов.* гирдогирд қирав бастан

обы́ск *м* кофтуков, ҷустуҷу, тафтиш; **произвести́ ~** кофтуков (тафтиш) кардан

обыска́ть *сов. кого-что* 1. кофтуков (ҷустуҷу) кардан, кофтан, тафтиш кардан; **~ плённого** хама ҷои асирро кофтуков кардан 2. ҳамаро (ҳама ҷоро) дида баромадан; **~ все углы́ в чула́не** тамоми кунҷу канори мадонро дида баромадан

обы́скивать *несов. см.* **обыска́ть**

обы́скиваться *несов. страд.* кофта шудан

обыча||й *м* одат, урфу одат, расм, таомул; **по ~ю** аз руи одат; одатан; **придёрживаться ~ев** урфу одатҳоро риоя кардан; **в ~е кого́-л.** дар одати касе

обы́чно *нареч.* одатан, аз руи таомул, мисли ҳамеша; бештар, аксаран, аксари вақт; **жизнь протека́ла ~** ҳаёт мисли ҳамеша мегузашт; **днём он ~ за́нят** рузона у одатан серкор аст

обы́чность *ж* одатӣ (оддӣ) будан(и), маъмул будан(и)

обы́чн||ый, -ая, -ое (обыч|ен, -на, -но) 1. одатӣ, оддӣ, муқаррарӣ, маъмулӣ; **~ое явле́ние** ҳодисаи муқаррарӣ; **~ым поря́дком** ба тартиби муқаррарӣ 2. *юр.* ...и расму оин, ...и урфу одат, урфӣ; **~ое пра́во** ҳуқуқи урфӣ

обюрократи́ть *сов. кого-что* бюрократ (бюрократӣ) кардан

обюрократи́ться *сов.* бюрократ (бюрократӣ) шудан

обя́занност||ь *ж* вазифа, вазифадорӣ, уҳдадорӣ; **вмени́ть в ~ь** ба ӯҳда гузоштан; **исполня́ть ~и дире́ктора** вазифаи директорро иҷро кардан

обя́занный, -ая, -ое (обязан, -а, -о) 1. *с неопр.* вазифадор, уҳдадор, мутасаддӣ; **он обя́зан сообщи́ть об э́том** у бояд дар ин хусус хабар диҳад 2. *кому-чему* ба туфайли (ба шарофати) *касе* ноил гардидан; **свои́ми успе́хами он обя́зан дру́гу** у ба шарофати рафиқаш ба муваффакиятҳо ноил гардид; **мы мно́гим обя́заны шко́ле** мо ба шарофати мактаб ба бисьёр чизҳо ноил гардидем // миннатдор, сипосгузор; **е́сли вы зайдёте, я бу́ду вам о́чень обя́зан** агар шумо меомадед, ман аз шумо миннатдор мешудам

обяза́тельно *нареч.* ҳатман, албатта; **~ приходи́те** албатта биёед

обяза́тельность *ж* ҳатмӣ будан(и), воҷибият, лозимият, зарурат, зарурият

обяза́тельн||ый, -ая, -ое (обяза́те|лен, -льна, -льно) 1. ҳатмӣ, воҷиб, лозим, зарурӣ; **~ое усло́вие** шарти ҳатмӣ 2. вазифашинос; **~ый челове́к** одами вазифашинос

обяза́тельство *с* 1. аҳд, вазифа, ӯҳдадорӣ; **взять на себя́ ~** уҳдадор шудан 2. *эк.* ҳуҷҷати (санади) карз; **долгово́е ~** санади қарз

обяза́ть *сов. кого-что* 1. *(заставить)* вазифадор (уҳдадор, маҷбур, мутасаддӣ) кардан 2. миннатдор (сипосгузор) кардан; **вы меня́ э́тим обя́жете** ман аз ин коратон миннатдор мешавам

обяза́ться *сов.* вазифадор (уҳдадор, мутасаддӣ) шудан; **~ вы́полнить план** иҷрои планро ба зиммаи худ гирифтан

обязыва||ть *несов.* 1. *см.* **обяза́ть**; 2. *кого и без доп.* маҷбур кардан, водор намудан; **положе́ние ~ет** вазъият маҷбур мекунад

обязываться *несов. см.* **обяза́ться**

ова́л *м* доираи байзавӣ (тухмшакл); **~ лица́** тархи руй

ова́льный, -ая, -ое байзавӣ, тухмшакл

ова́ция *ж* чапакзании (қарсакзании) пургулгула

овдове́ть *сов.* бева шудан

овева́ть *несов. см.* **ове́ять** 1

овева́ться *несов. страд.* шамол (бод) дода шудан

ове́ивать *несов. см.* **овева́ть**

овёс *м* 1. ҷави русӣ, ҳуртумон 2. *мн.* **овсы́** киштзори ҷави русӣ

ове́ч||ий, -ья, -ье 1. гӯсфандӣ, ...и гусфанд, ...и меш; **~ья шерсть** пашми гусфанд; **~ий сыр** панир 2. *перен.* буздил, тарсончак, тарсу, беҷуръат ◇ **волк в ~ьей шку́ре** гург дар ҷомаи меш, гург дар пусти гусфанд

ове́чк||а *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **овца**; 2. *перен.* одами беозор (ҳалим); **прики́нуться ~ой** худро мусичаи бегуноҳ нишон додан ◇ **заблу́дшая ~а** сарсону саргардон; овораи ду ҷаҳон

овеществи́ть *сов. что книжн.* таҷассум кардан

овеществи́ться *сов. книжн.* таҷассум ёфтан

овеществле́ние *с* (*по знач. гл.* **овеществи́ть**) таҷассум; **~ труда́ в това́ре** таҷассуми меҳнат дар ашьё

овеществля́ть(ся) *несов. см.* **овеществи́ть(ся)**

ове́ять *сов. кого-что* 1. шамол (бод) додан, шамол (бод) кардан 2. *перен.*: **~ сла́вой** шуҳратманд кардан

овивать(ся) *несов. см.* **ови́ть(ся)**

ови́н *м* хирмангоҳ, шипанги ғаллахушккунӣ

ови́ть *сов. см.* **обви́ть** 1, 2

ови́ться *сов. см.* **обви́ться** 1

овладева́ть *несов. см.* **овладе́ть**

овладе́ние *с* (*по знач. гл.* **овладе́ть**) ба даст даровардан(и), забт кардан(и), тасарруф кардан(и); аз худ кардан(и); **~ те́хникой** аз худ кардани техника

овладе́||ть *сов.* 1. *чем* гирифтан, ба даст даровардан, забт кардан, соҳиб (молик) шудан, тасарруф кардан; **~ть кре́постью** қалъаро забт кардан, қалъаро гирифтан 2. *кем-чем перен.* ба худ ҷалб кардан (кашидан); **~ть чьи́м-л. внима́нием** диққати касеро ҷалб кардан 3. *кем-чем* зер (пахш) кардан, фаро гирифтан; **им ~л у́жас** уро воҳима зер кард; **им ~ло беспоко́йство** у ба изтироб афтод 4. *чем* ёд гирифтан, аз худ кардан; **~ть ремесло́м** касбу ҳунар ёд гирифтан ◇ **~ть собо́й** худро ба даст гирифтан

о́вод *м* хармагас, ғурмагас

о́вощ *м* сабзавот

овоще- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сабзавот»*: **овощере́зка** сабзавотрезакунак; **овощехрани́лище** анбори сабзавот

овощево́д *м* сабзавоткор, обчакор, мутахассиси сабзавоткорӣ (обчакорӣ)

овощево́дство *с* сабзавоткорӣ, обчакорӣ

овощево́дческий, -ая, -ое ...и сабзавоткорӣ, ...и обчакорӣ; **~ колхо́з** колхози сабзавоткор

овощере́зка *ж* сабзавотрезакунак

овощесуши́льный, -ая, -ое ...и хушк кардани сабзавот

овощехрани́лище *с* анбори сабзавот

о́вощи *мн.* (*ед.* **о́вощ** *м*) сабзавот

овощн||о́й, -а́я, -о́е ...и сабзавот, ...и обчакорӣ; ~**а́я ла́вка** дукони сабзавот, ~**ы́е гря́дки** палҳои обчакорӣ

овра́г *м* сой, ҷар, ҷарӣ, оббурда, обканда

овра́жек I *м уменьш. к* **овра́г**

овра́жек II *м обл.* (*суслик*) суғур

овра́жист||ый, -ая, -ое (овра́жист, -а, -о) сойдор, серҷар, ҷаридор; ~**ая ме́стность** маҳалли серҷар

овра́жка *ж см.* **овра́жек** II

овра́жный, -ая, -ое ...и сой, ...и ҷар

оври́нг *м* овринг

овси́нка *ж разг.* хушаи ҷави русӣ; донаи ҷави русӣ

овсю́г *м бот.* бомас

овся́ница *ж бот.* сулӣ

овся́нка I *ж разг.* (*крупа*) ярмаи ҷави русӣ; (*каша*) шавлаи ҷави руси

овся́нка II *ж зоол.* залич (*паррандаи майдаи зардчатоб аз ҷинси гунҷишк*)

овсян||о́й, -а́я, -ое ...и ҷави русӣ; ~**о́е по́ле** киштзори ҷави русӣ

овся́н||ый, -ая, -ое ...и ҷави русӣ, аз ҷави русӣ пухташуда; ~**ая ка́ша** шавлаи ҷави русӣ

овуля́ция *ж биол.* ихроҷи тухма (*омодаи ҳамл шудани тухмаи зан*)

овца́ *ж* меш, гусфанд; **парши́вая ~ всё ста́до по́ртит** *посл.* ≈ гусолаи рихин подаро меолонад ◇ **заблу́дшая ~** сарсону саргардон; овораи ду ҷаҳон

овцебы́к *м* мешгов

овцево́д *м* гусфандпарвар, чупон

овцево́дство *с* гусфандпарварӣ

овцево́дческ||ий, -ая, -ое ...и гусфандпарварӣ, ...и гусфандпарвар; ~**ая фе́рма** фермаи гусфандпарварӣ

овцема́тка *ж* меш

овцефе́рма *ж* фермаи гусфандпарварӣ

овча́р *м* чупон

овча́рка *ж* саги чупонӣ

овча́рник *м обл. см.* **овча́рня**

овча́рня *ж* қура

овчи́на *ж* пусти гусфанд, пусти даббоғишудаи (ошдодашудаи) гусфанд

овчи́нк||а *ж уменьш. к* **овчи́на** ◇ ~**а вы́делки не сто́ит** *посл.* ≈ мурда кирои гирья намекунад; **не́бо с ~у показа́лось** *кому прост.* осмон ба сараш фуру рафт

овчи́нный, -ая, -ое ...и пусти гусфанд; ~ **тулу́п** пустини гусфандӣ

ога́рок *м* гули шамъ

огиба́ть *несов. см.* **обогну́ть**

огиба́ться *несов. страд.* хам карда печонда шудан

оглавле́ние *с* мундариҷа, феҳрист; ~ **кни́ги** мундариҷаи китоб

огла́дить *сов.* 1. *кого-что* навозиш (хорумол) кардан 2. *что* молидан, панҷа кашидан; ~ **бо́роду** ба риш панҷа кашидан

огла́дывать(ся) *несов. прост. см.* **обгла́дывать(ся)**

огла́живать *несов. см.* **огла́дить**

огласи́ть *сов. что* 1. хонда додан, эълон кардан; ~ **пригово́р** ҳукмро хонда додан 2. *уст.* фош (овоза, ошкор) кардан 3. аз овоз (аз садо) пур кардан, фаро гирифтан; ~ **ко́мнату сме́хом** хонаро аз ханда пур кардан

огласи́||ться *сов.* 1. аз овоз (аз садо) пур шудан, фаро гирифта шудан, ғулғула печидан; **лес ~лся пе́нием птиц** ҷангалро хониши паррандаҳо фаро гирифт 2. *уст.* вирди забон шудан

огла́ск||а *ж* фош (овоза, ошкор) кардан(и); **де́ло получи́ло ~у** кор овоза шуд; **преда́ть ~е** ошкор кардан; **во избежа́ние ~и** то ин ки ошкор нашавад

огласо́вка *ж лингв.* ҳаракат

оглаша́ть *несов. см.* **огласи́ть**

оглаша́ться *несов.* 1. *см.* **огласи́ться**; 2. *страд.* хонда дода шудан

оглаше́ни||е *с* (*по знач. гл.* **огласи́ть** 1, 2) хонда додан(и), эълон кардан(и); фош (овоза) кардан(и); ~**е докуме́нта** хонда додани ҳуҷҷат; **э́тот разгово́р не подлежи́т ~ю** ин гуфтугу набояд овоза шавад

оглашённый, -ая, -ое *прост.* саросема, васвосӣ, девонаавзоъ; **кричи́т, как ~** девонавор дод мезанад

огло́бл||я *ж* шоҳтир, шоту, ариш; **ло́шадь в ~ях** аспи ба шоту басташуда ◇ **поверну́ть ~и** *прост.* 1) ба дасти холӣ баргаштан 2) аз қавли худ гаштан

оглода́ть *сов. прост. см.* **обглода́ть**

огло́док *м см.* **обгло́док**

оглоу́шить *сов. кого прост.* зада беҳуш кардан

огло́хнуть *сов.* кар шудан

оглупе́ть *сов. прост.* аҳмақ (аблаҳ) шудан, ақли худро хурдан, ақл гум кардан

оглупи́ть *сов. кого* аҳмақ (аблаҳ) кардан

оглупля́ть *несов. см.* **оглупи́ть**

оглупля́ться *несов. страд.* аҳмақ карда шудан

оглуша́ть *несов. см.* **оглуши́ть**

оглуша́ться *несов. страд.* кар карда шудан

оглуши́тельно *нареч.* гушкаркунанда, сахт; ~ **стуча́ть** сахт тақ-тақ кардан

оглуши́тельный, -ая, -ое (оглуши́те|лен, -льна, -льно) баланд, гушкаркунанда; гарангкунанда, карахткунанда; ~ **уда́р гро́ма** ғурриши гушкаркунандаи раъд

оглуши́||ть *сов. кого* 1. кар кардан; **взрыв ~л его́** таркиш [гуши] уро кар кард 2. зада беҳуш кардан, зада галанг (беҳис, карахт) кардан 3. *перен. разг.* гиҷ (гаранг, саросема) кардан, ба воҳима андохтан ◇ **как гро́мом ~ть** моту мабҳут кардан

огляде́ть *сов. кого-что* аз назар гузарондан, назар кардан, дидан, нигаристан; ~ **двор** ҳавлиро аз назар гузарондан

огляде́ться *сов.* 1. гирду атрофро аз назар гузарондан, ба гирду пеш нигоҳ кардан; ба ин су-он суи худ нигоҳ кардан 2. *разг.* ба торикӣ одат кардан 3. *перен.* одат кардан, хӯ гирифтан, омухта шудан; ~ **на но́вом ме́сте** ба ҷои нав одат кардан

огля́дк||а *ж уст.* 1. (*по знач. гл.* **огляну́ться, огля́дываться**) ба ақиб нигоҳ кардан(и) 2. пушаймонӣ, таассуф ◇ **без ~и** (**бежа́ть, мча́ться** *и т. п.*) ба ақиб нигоҳ накарда (давидан, гурехтан *ва г.*); **с ~ой** эҳтиёткорона, боандеша, мулоҳизакорона

огля́дывание *с* (*по знач. гл.* **огляде́ть, огляде́ться**) аз назар гузарондан(и)

огля́дывать *несов. см.* **огляде́ть**

огля́дываться *несов.* 1. *см.* **огляде́ться** 1; 2. *см.* **огляну́ться**; 3. *на кого-что и без доп. перен. разг.* эҳтиёткорона (боандеша, бо тарсу ваҳм) рафтор кардан

огляну́ть *сов. однокр. к* **огля́дывать**

огляну́||ться *сов.* 1. ба ақиб нигоҳ кардан, гашта нигоҳ кардан, ба ақиб назар андохтан; **он ~лся на зов** ӯ фарьёди касеро шунида, ба ақиб нигоҳ кард 2. *разг.* (*посмотреть вокруг себя*) ба атрофи худ нигоҳ кардан ◇ **не успе́ешь ~ться, как...** ана-мана нагуфта...

огне= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «оташ»:* **огнезащи́тный** оташногир; **огнесто́йкий** носӯз, ногудоз, оташтобовар; **огнеупо́рный** оташбардор

огневи́ца *ж обл.* вараҷа

огнёвка *ж* 1. (*бабочка*) шапалак 2. (*лисица*) рубоҳи сурх

огнев||о́й, -а́я, -о́е 1. оташӣ, ...и оташ; ~**а́я вспы́шка** алангаи оташ 2. оташранг, оташгун 3. *перен.* оташбор, шуълавар; ~**ы́е глаза́** чашмони оташбор (шӯълавар) 4. *перен.* пурҳарорат, оташин, зиндадил, пурҷӯшу хуруш; ~**о́й хара́ктер** оташмизоҷӣ 5. *воен.* ...и оташфишонӣ, ...и тирандозӣ; ~**о́й вал** куҳаи оташ (*дар як хат таркидани тири тупҳои бисьёр ва мавҷвор пеш рафтани ин хати оташ*); ~**а́я пози́ция** мавқеи оташфишонӣ; ~**а́я заве́са** садди оташ; ~**ы́е сре́дства** воситаҳои оташфишонӣ (тирандозӣ), яроқҳои оташфишон; ~**а́я то́чка** нуқтаи оташфишонӣ; **долговре́менная ~а́я то́чка** (**дот**) истеҳкоми доимии оташфишон (дот)

огнеды́шащ||ий, -ая, -ее оташфишон, оташафшон; ~**ая гора́** *уст.* куҳи оташфишон

огнезащи́тный, -ая, -ое оташногир

огнемёт *м* огнемёт, оташандоз

о́гненно-кра́сный, -ая, -ое оташранг, оташгун, лолагун, арғувонӣ

о́гненн||ый, -ая, -ое 1. оташӣ, ...и оташ; ~**ые языки́** забонаҳои оташ 2. оташранг, оташгун, лолагун, арғувонӣ; ~**ые тюльпа́ны** лолаҳои арғувонӣ 3. *перен.* оташбор, шуълавар, шарорапош; ~**ый взор** нигоҳи оташбор 4. *перен.* пурҳарорат, гарм, гарму ҷушон, оташин; ~**ые слова́** суханони пурҳарорат

огнеопа́сн||ый, -ая, -ое (огнеопа́с|ен, -на, -но) даргиранда; ~**ая жи́дкость** моеи даргиранда

огнепокло́нник *м* оташпараст, озарпараст; зардуштӣ, муғ

огнепокло́ннический, -ая, -ое ...и оташпарастӣ, ...и зардуштӣ

огнепокло́нничество *с* оташпарастӣ, дини зардуштӣ

огнепокло́нство *с см.* **огнепокло́нничество**

огнеприпасы *тк. мн.* тиру дору, тиру гулула

огнестойкий, -ая, -ое (огнестö|ек, -йка, -йко) оташтобовар, носуз, ногудоз, дарнагиранда; ~ **материал** масолеҳи носуз

огнестойкость *ж* оташтобоварӣ, дарнагирандагӣ

огнестрельн||ый, -ая, -ое 1. ...и оташфишон; ~**ое оружие** аслиҳаи оташфишон 2. ...и тир; ~**ая рана** захми тир

огнетушитель *м* оташкушак, оташхомушкунак, сухторхомушкунак

огнеупорность *ж* оташбардорӣ

огнеупорный, -ая, -ое оташбардор

огнеупоры *тк. мн.* масолеҳи оташбардор

огниво *с* чакмоқ

огнист||ый, -ая, -ое (огнист, -а, -о) оташранг, оташгун, гулгун; ~**ая заря** шафақи гулгун

огнище *с обл.* 1. гулхан 2. ҷои гулхан 3. ҷои оташ задашуда

огнь *м уст. поэт.* нор, оташ

ого *межд.* ӯҳӯ, оҳо, эҳе, аҷаб, аҷабо, эҳа, бай-бай; ~, **как ты поправился!** оҳо, аҷаб фарбеҳ шудаӣ!

оговаривание *с* (*по знач. гл.* **оговорить** 1, 2, 4) буҳтон (туҳмат) кардан(и); пешакӣ шарт кардан(и)

оговаривать *несов. см.* **оговорить**

оговариваться *несов.* 1. *см.* **оговориться;** 2. *страд.* пешакӣ шарт карда шудан; эзоҳ дода шудан

оговор *м разг.* буҳтон, тӯҳмат

оговорить *сов.* 1. *кого-что* буҳтон (туҳмат, бадном) кардан 2. *что* пешакӣ шарт (қайду шарт) кардан; ~ **все условия в договоре** ҳамаи шартҳоро дар шартнома қайд кардан 3. *что* (*разъяснить*) эзоҳ додан, қайд кардан 4. *кого-что* (*упрекнуть*) танбеҳ (мазаммат) кардан

оговориться *сов.* 1. қайду шарт кардан, пешакӣ гуфта мондан, огоҳ кунондан, пешакӣ фаҳмондан; **спешу** ~ дарҳол гуфта мегузарам 2. (*ошибиться в речи*) пукидан, саҳван гуфтан, беихтиёр (ногоҳ) аз даҳон баровардан

оговорка *ж* 1. қайду шарт, шарҳ, эзоҳ; тавзеҳ 2. (*ошибка в речи*) саҳви сухан

оговорщик *м разг.* туҳматгар, ғайбаткунанда, буҳтонгӯй

о-го-го *см.* **ого**

оголение *с* (*по знач. гл.* **оголить**) бараҳна (луч) кардан(и); (*по знач. гл.* **оголиться**) бараҳна (луч) шудан(и)

оголённость *ж* бараҳнагӣ, лучӣ

оголённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* бараҳнашуда, лучшуда 2. *прил.* (*нагой*) бараҳна, луч, урьён 3. *прил.* урьён, барггрехта, бебарг; ~**ые деревья** дарахтҳои барггрехта; ~**ая местность** маҳалли бедолу дарахт 4. луч; ~**ый провод** сими луч

оголец *м прост.* шумбача, шум, безорӣ

оголи||ть *сов.* 1. *кого-что* бараҳна (луч, урьён) кардан 2. *что* резондан; **ветер** ~**л деревья** шамол барги дарахтҳоро резонд 3. *что* пуст кандан, луч кардан; ~**ть провод** симро луч кардан 4. *что* охтан; ~**ть шашки** шамшер охтан 5. *воен.* бепаноҳ (холӣ) монондан

оголиться *сов.* 1. бараҳна (луч, урьён) шудан 2. (*лишиться листвы, хвои*) барг рехтан 3. (*лишиться покрова*) луч шудан, кушода шудан 4. *воен.* бепаноҳ (холӣ) мондан

оголовок *м тех.* сарбанд (*дар баъзе иншоот ва таҷҳизот*); ~ **трубы** сарбанди қубур

оголовье *с* 1. (*уздечка*) абзори асп 2. (*ремень вокруг головы лошади*) афсор

оголодать *сов. прост.* аз гуруснагӣ хароб шудан

оголтелый, -ая, -ое *разг.* 1. ашаддӣ, гузаро; ~ **враг** душмани ашаддӣ 2. бешармона, беҳаёёна

оголять *несов. см.* **оголить**

оголяться *несов.* 1. *см.* **оголиться;** 2. *страд.* луч карда шудан

огон||ёк *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **огонь** 1, 2; **работать с** ~**ьком** бо ҷушу хуруш кор кардан; **вдали мелькали** ~**ьки деревни** чароғҳои деҳа аз дур менамуданд ◇ **зайти (завернуть) на** ~ **ёк** рушноии тирезаро дида даромадан

огонь *м* 1. *тк. ед.* оташ, олав; **развести** ~ оташ даргиронадан; **сгореть в огне** дар оташ сухтан // *перен.* (*душевный подъём*) ҳарорат, шавқу завқ, ҷушу хурӯш // *перен.* олав, оташ; ~, **а не лошадь** асп не, олав 2. (*свет*) рушноӣ, шуоъ, зиё // *перен.* (*блеск глаз*) оташ, нур, шарора, ҷило, партав, барқ, дурахш; **у него глаза горят огнём** чашмонаш шарораборанд 3. *тк. ед. воен.* тирандозӣ, тӯппарронӣ, оташ; **беглый** ~ оташи сареъ; **кинжальный** ~ оташи ногаҳонӣ ба масофаи наздик; **открыть** ~ оташ кушодан; **попасть под** ~ зери оташи тир мондан; **линия огня** хатти оташфишонӣ; ~! (*команда*) оташ! ◇ **антонов** ~ *прост.* қаросон; **бенгальский** ~ мушаки маҳтобӣ; **блуждающие огни** чароғи аҷина (*нурафкании фосфори моддаҳои пусида*); **между двух огней** дар миёни обу оташ; **огнём и мечом** бо теғу туфанг, бо зуру зулм; **бояться как огня** мурданивор тарсидан; **днём с огнём не сыскать** Анқо барин ноёб аст; **играть с огнём** бо оташ (бо думи шер) бозӣ кардан; **нет дыма без огня, дыма без огня не бывает** *посл.* ≈ то шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад; **подлить масла в** ~ ба оташ равған рехтан; **пойти в** ~ **и в воду за кого-что-л.** ба хотири касе (чизе) худро ба обу оташ задан; **попасть из огня да в полымя** *погов.* ≈ аз барф гурехта ба борон вохурдан; аз борон гурехта ба новадон афтидан; **пройти [сквозь]** ~ **и воду [и медные трубы]** ба ҳафт гӯлах алав мондан; аз осиё бутун баромадан

огораживание *с* 1. (*по знач. гл.* **огородить**) таворакашӣ 2. *ист.* деворгирӣ (*заминҳои ҷамоатиро ғасб кардани заминдорони калон дар Англия ва баъзе мамлакатҳои дигари Европа*)

огораживать *несов. см.* **огородить**

огораживаться *несов.* 1. *см.* **огородиться;** 2. *страд.* девор кашида шудан

огород *м* 1. обчакорӣ, полез 2. *обл.* (*изгородь*) панҷара тавора, қаторак, шохбаст ◇ ~ **городить** аз барф манора сохтан; **бросать (кидать) камешки в чей-л.** ~ ба касе гап паррондан; **пустить козла в** ~ ≈ гургро вакили гӯсфанд кардан; гургро чупон кардан

огородить *сов. что* девор (тавора, панҷара, чиғ) кашидан; девор (тавора) кашида ҷудо кардан

огородиться *сов.* ба атрофи мулки худ девор кашидан, мулки худро деворбандӣ кардан

огородник *м* сабзавоткор, обчакор, полезкор

огородница *женск. к* **огородник**

огородничать *несов. разг.* сабзавоткорӣ (обчакорӣ, полезкорӣ) кардан

огородничество *с* сабзавоткорӣ, обчакорӣ, полезкорӣ

огородничий, -ья, -ье ...и сабзавоткор, ...и обчакор

огородн||ый, -ая, -ое ...и сабзавоткорӣ, ...и обчакорӣ, ...и полез, полезӣ; ~**ый участок** қитъаи сабзавоткорӣ; ~**ая зелень** кабудиҳои полезӣ

огорошивать *несов. см.* **огорошить**

огорошить *сов. кого-что разг.* ҳайрон кардан, ба ҳайрат андохтан, моту мабҳут кардан

огорчать(ся) *несов. см.* **огорчить(ся)**

огорчение *с* ғам, алам, ранҷиш, озор; **причинить** ~ озор додан

огорчённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ғамгиншуда, озурдашуда 2. *прил.* ғамгин, аламзада, озурда; ~**ое лицо** чеҳраи ғамгин

огорчительн||ый, -ая, -ое (огорчите|-лен, -льна, -льно) ғамовар, нохуш, аламангез, ногувор; ~**ое известие** хабари нохуш

огорчить *сов. кого-что* ғамгин кардан, ранҷондан, озурдан, димоғ сузондан

огорчиться *сов.* ғамгин шудан, ранҷидан, озурда шудан, димоғ сӯхтан

ограбить *сов. кого-что* ғорат (толон, тороҷ) кардан, дуздидан // *перен. разг.* хонавайрон (бенаво) кардан

ограбление *с* (*по знач. гл.* **ограбить**) ғорат кардан(и)

оград||а *ж* девор, тавора, панҷара, қатора, ҳисор; **обнести** ~**ой** девор кашидан

оградительн||ый, -ая, -ое ...и инҳисор, инҳисорӣ; ~**ая решётка** панҷараи инҳисор ◇ ~**ые пошлины** боҷи инҳисорӣ

оградить *сов.* 1. *что уст.* девор (тавора, панҷара) кашидан 2. *кого-что перен.* нигаҳдорӣ (муҳофизат, ҳимоя) кардан, эмин гардондан; ~ **от нападок** аз хуҷумҳо эмин гардондан

оградиться *сов. уст.* худро мунҳасир кардан

оградка *ж уменьш.-ласк. к* **ограда**

оградный, -ая, -ое ...и девор, ...и тавора, ...и панҷара

ограждать *несов. см.* **оградить**

ограждаться *несов.* 1. *см.* **оградиться;** 2. *страд.* девор кашида шудан

ограждение *с* 1. (*по знач. гл.* **оградить**)

девор (тавора) кашидан(и); эмин гардондан(и) 2. тавора, панҷара, катора

огра́нивать *несов. см.* **огранить**

огра́ниваться *несов. страд.* суфта шудан

огранить *сов. что* суфтан

ограниче́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **ограничить**) маҳдуд кардан(и), ҳад (ҳадду худуд) гузоштан(и); **переговоры об ~и вооруже́ний** гуфтушунид дар бораи маҳдудкунии аслиҳа 2. маҳдудият; **отменить ~я** маҳдудиятро бекор кардан

ограни́ченность *ж* 1. маҳдудият, танқис, камӣ, норасоӣ 2. *перен.* танг (маҳдуд) будани доираи дониш, кутоҳназарӣ

ограни́ченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* маҳдуд кардашуда 2. (ограничен, -на, -но) *прил.* маҳдуд, нопурра, кам, норасо, нокифоя; **в ~ом коли́честве** ба миқдори кам; **~ый срок** мӯҳлати кутоҳ 3. *прил. перен.* (ограничен, -на, -но) кутоҳандеш, каммаърифат; **~ый челове́к** одами кутоҳандеш

ограни́чивание *с см.* **ограничение** 1

ограни́чивать *несов.* 1. *см.* **ограничить**; 2. *что* ҳад (ҳадду ҳудуд) гузоштан

ограни́чиваться *несов.* 1. *см.* **ограничиться**; 2. *страд.* маҳдуд карда шудан

ограничи́тель *м* маҳдудкунанда (*асбобе, ки корн мошин ва таҷҳизотро ба тоаври автомати маҳдуд мекунад*); ~ **то́ка** маҳдудкунандаи ҷараёни электрикӣ

ограничи́тельн||ый, -ая, -ое (ограничите|лен, -льна, -льно) 1. маҳдудкунанда, ҳадгузоранда; **~ые ме́ры** чораҳои маҳдудкунанда 2. маҳдуд, нопурра, нокифоя; **~ое толкование зако́на** тафсири маҳдуди қонун

ограни́чить *сов. кого-что* маҳдуд кардан, ҳад (ҳадду ҳудуд) гузоштан; ~ **кого́-л. в правах** ҳуқуқи касеро маҳдуд кардан

ограни́читься *сов. чем* 1. (*удовлетвориться*) қаноат (иктифо) кардан, қонеъ (маҳдуд, хотирҷамъ) шудан 2. (*свестись к чему-л.*) итмом (хотима) ёфтан

огра́нка *ж* 1. (*по знач. гл.* **огранить**) дурр суфтан(и) 2. қирра

огребать *несов. см.* **огрести**

огрести́ *сов. что прост.* 1. бо хаскаш тӯда (тӯп) кардан, ғарам кардан, ғундоштан 2. *перен.* бисьёр гирифтан

огре́ть *сов. кого-что прост.* сахт (шатта) задан

огре́х *м* 1. *с.-х.* чалакорӣ (*ҷои нимкора ё дуруст шудгор нашудаи замин*) 2. *прост.* хато, саҳв, камбудӣ, ғалат

огро́мность *ж* бузургӣ, азим будан(и), азамат

огро́мн||ый, -ая, -ое (огромен, -на, -но) 1. бузург, азим; **~ый рост** қомати баланд; **~ая толпа** анбӯҳи сершумор 2. *перен.* зур, калон, бузург; **~ое влия́ние** таъсири зур; **~ая опасность** хатари калон (зур)

огрубева́ть *несов. см.* **огрубе́ть**

огрубе́лость *ж* дағалӣ, дуруштӣ

огрубе́л||ый, -ая, -ое 1. сахт, шахшул, дағал, дурушт; **~ые ру́ки** дастони шахшул 2. дуруштху, дағал, сангдил, бепарво, бедард; **~ое се́рдце** дили сахт

огрубе́ние *с* (*по знач. гл.* **огрубе́ть**) сахт (шахшул) шудан(и); сангдил (дағал) шудан(и); ~ **ко́жи** шахшул шудани пуст

огрубе́||ть *сов.* 1. сахт (шахшул, дағал, дурушт) шудан; **ко́жа на лице́ ~ла** пусти рӯй шахшул шудааст 2. *перен.* бедард (бепарво) шудан, сангдил (дағал) шудан

огруби́ть *сов. кого-что* 1. сахт (шахшул, дағал, дурушт) кардан 2. *перен.* бедард (бепарво) кардан, сангдил (дағал) кардан

огрубля́ть *несов. см.* **огрубить**

огрубля́ться *несов. страд.* сахт (дурушт) карда шудан

огру́знуть *сов. прост.* хомфарбеҳ (бесулукай) шудан

огрыза́ть *несов. см.* **огры́зть**

огрыза́ться *несов. см.* **огрызну́ться**

огрызну́ться *сов.* 1. (*о собаке*) дандон нишон додан, аккос задан, ғурридан, газиданӣ шудан 2. *перен. разг.* ҷавоби нешдор гуфтан

огры́зок *м* 1. таҳмонда, пасмонда; ~ **я́блока** пасмондаи себ 2. *разг.* мунча; ~ **каранда́ша** қаламн мунча

огры́зть *сов разг. см.* **обгры́зть**

огу́зок *м* 1. (*часть туши*) сағрӣ, кафал 2. (*шкура*) пусти кафал

огу́лом *нареч.* 1. *прост.* (*скопом*) гала шуда, туда (туп) шуда, якҷоя 2. *разг.* (*без разбора*) насанҷида, напурсида, бе тафриқа, бе асос; ~ **обвини́ть** бе асос айбдор кардан 3. *уст.* (*целиком, оптом*) яклухт, кутара

огу́льно *нареч.* (*без разбора*) напурсида, бе асос, сарфаҳм нарафта; ~ **обвинять** бе асос айбдор кардан

огу́льность *ж* беасос (бедалел) будан(и); ~ **обвине́ний** беасос будани айбдоркунӣ

огу́льный, -ая, -ое (огу|лен, -льна, -льно) беасос, бедалел

огур||е́ц *м* бодиринг; **сажа́ть ~цы** бодиринг шинондан (коштан)

огуре́чник *м бот.* хиёрак (*алафи гулҳояш кабуди хушбӯй*)

огуре́чн||ый, -ая, -ое ...и бодиринг; **~ые семена́** тухми бодиринг; **~ая гря́дка** пали (ҷуяки) бодиринг

огу́рчик *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **огуре́ц**; 2. *перен. прост.* сухсур; **как** ~ сухсурбарин

ода *ж лит.* қасида, мадҳия

одалживать *несов. см.* **одолжи́ть**

одалживаться *несов.* 1. *см.* **одолжи́ться**; 2. *страд.* қарз дода шудан

одали́ска *ж* 1. (*прислужница в гареме*) каниз, канизаки ҳарам 2. (*наложница*) зани сиға, маъшуқа

одарённость *ж* истеъдод, кареҳа, қобилият

одарённый, -ая, -ое 1. *прич.* атошуда, тухфашуда 2. *прил.* (одарён, -на, -но) боистеъдод, қобилиятнок; ~ **актёр** актёри боистеъдод

ода́ривать *несов. см.* **одари́ть**

одариваться *несов. страд.* бахшида шудан

одари́||ть *сов. кого-что* 1. *уст.* бахшидан, бахшиш (ҳадья, ато, тухфа) кардан, инъом кардан (додан) 2. *перен.* ато кардан, додан, бахшидан; **приро́да ще́дро ~ла его́ тала́нтом** у табиатан истеъдоди калон дорад, табиат ба ӯ истеъдоди баланд ато кардааст

одаря́ть(ся) *несов. см.* **ода́ривать(ся)**

одева́ние *с* (*по знач. гл.* **оде́ть**) пӯшондан(и); (*по знач. гл.* **оде́ться**) пушидан(и)

одева́ть *несов.* 1. *см.* **оде́ть**; 2. *кого-что* (*обеспечивать одеждой*) либос пушондан (додан), сарулибос кардан; ~ **дете́й со вку́сом** ба бачаҳо босалиқа либос пушондан

одеваться *несов.* 1. *см.* **оде́ться**; 2. (*носить какую-л. одежду*) либос пӯшидан; ~ **по мо́де** аз руи муд либос пушидан 3. *страд.* пӯшонда шудан

одёжа *ж прост. см.* **оде́жда** 1

оде́жда *ж* 1. либос, пушок, сарулибос; ҷома, кабо; **ве́рхняя** ~ либоси рӯ; **тёплая** ~ либоси гарм; **фо́рменная** ~ либоси расмӣ, форма 2. *тех.* фарши роҳ; руйкаши бино

одёжина *ж прост.* либос, пӯшок

одёжк||а *ж разг. уменьш.-ласк. к* **оде́жда** 1; **по ~е протя́гивай но́жки** *погов.* ба курпаат нигоҳ карда пой дароз кун; **по ~е встреча́ют, по уму́ провожа́ют** *посл.* ≈ гап дар салла не, дар калла

одёжн||ый, -ая, -ое *разг.* ...и либос, ...и пушок; **~ая ве́шалка** либосовезак, мехи либосовезӣ; **~ая щётка** чӯткаи либос

одежо́нка *ж разг. пренебр.* либоси нозеб (ношинам)

одеколон *м* атр; **души́ться ~ом** ба худ атр задан

одеколо́нить *несов. кого-что прост.* атр задан (пошидан)

одеколо́ниться *несов. прост.* ба худ атр задан (пошидан)

одеколо́нный, -ая, -ое ...и атр; ~ **за́пах** буи атр

одели́ть *сов. кого-что* додан, бахшидан, ҳадья (ато, инъом, бахшиш, тухфа) кардан

оделять *несов. см.* **оделить**

оделя́ться *несов. страд.* бахшида шудан

одёр *м* 1. *разг.* аспи кутара 2. *перен. прост.* одами ҷурук

одёргивать *несов. см.* **одёрнуть**

одёргиваться *несов.* 1. *см.* **одёрнуться**; 2. *страд.* тахт (дуруст) карда шудан

одеревене́лость *ж* мисли чуб будан(и)

одеревене́лый, -ая, -ое 1. мисли чуб шуда; ~ **сте́бель травы** пояи мисли чуб шудаи алаф 2. *перен.* карахт, шах, беҳис, хобрафта, мот, мабҳут; ~ **от испу́га** аз тарс шахшуда 3. *перен.* (*безучастный*) бепарво, беҳавсала

одеревене́ние *с* (*по знач. гл.* **одеревене́ть**) мисли чуб шудан(и); карахтӣ, шахшавӣ; ~ **сте́бля травы** мисли чуб шудани пояи алаф; ~ **коне́чностей** карахтии даступо

одеревене́||ть *сов.* 1. мисли чуб шудан; сахт (шах, шахшул) шудан; **ко́жа ~ла**

пўст шахшул шудааст 2. *перен.* карахт (шах, беҳис) шудан, хоб рафтан; нога ~ла пой шах шудааст 3. *перен.* (*стать безучастным*) бепарво (беҳавсала) шудан

одержать *сов. что:* ~ победу ғолиб омадан (шудан), ғалаба кардан, зафар ёфтан; ~ верх дастболо (пируз) шудан, бартарӣ ёфтан

одёрживать *несов. см.* одержать

одержимый, -ая, -ое (одержим, -а, -о) 1. *чем* шефта, гирифтор; савдоӣ; он одержим страстью к изобретательству ӯ ба савдои ихтироъкорӣ гирифтор шудааст 2. *в знач. сущ.* одержимый *м*, одержимая *ж* девона, савдоӣ, савдозада, ҷиннӣ ◇ ~ бесом *уст.* ҷинзада

одёрнуть *сов.* 1. *что* доманро кашида тахт (дуруст) кардан; ~ рубашку домани куртаро кашида тахт кардан 2. *кого перен. разг.* танбеҳ додан, касеро кашидан; лат додан

одёрнуться *сов.* домани либоси худро тахт (дуруст) кардан

одесную *нареч. уст. книжн.* дар тарафи дасти рост

одетый, -ая, -ое (одет, -а, -о) 1. *прич.* пушидашуда 2. *прил.* либос пушидагӣ // *тк. кр. ф.* сарутандошта, сарулибосдошта; он одет и обут ӯ аз пушок таъмин аст

оде||ть *сов.* 1. *кого* пушондан, либос пӯшидан (пушондан); ~ть ребёнка ба бача либос пушондан // (*нарядить кем-л.*) ба сурати касе, чизе оростан; ~ть дедом-морозом ба сурати бобои барфин оростан 2. *кого-что разг.* (*обеспечить одеждой*) сарутан кардан, бо сарулибос таъмин кардан; ~ть семью ба аҳли оила сарутан кардан 3. *что перен.* печондан, фаро гирифтан, пӯшондан; тумаи ~л долину туман водиро фаро гирифтааст

оде||ться *сов.* 1. пушидан, либос пӯшидан; тепло ~ться либоси гарм пушидан // (*нарядиться кем-л.*) ба сурати касе чизе худро оростан; ~ться клоуном ба сурати масхарабоз худро оростан 2. (*приобрести одежду*) сарулибос кардан, либос дузондан 3. *перен.* сабз шудан, барг баровардан; деревья ~лись листвой дарахтон ҷомаи сабз пӯшиданд 4. печонда (фаро гирифта) шудан; леса ~лись тьмою бешаро торикӣ фаро гирифт 5. *разг.* ба болои худ кашидан (пушидан, гирифтан); ~ться одеялом ба болои худ кӯрпа гирифтан

одеяло *с* курпа, кампал; стёганое ~ курпаи лаганда; байковое ~ кампали патдор; шерстяное ~ кампали пашмин

одеяльце *с уменьш.-ласк. к* одеяло

одеяльщица *ж* курпадуз, кампалбоф

одеяние *с уст.*, *теперь шутл.* либос, пӯшок; богатое ~ либоси бокарруфар

один *м* (одна *ж*, одно *с*) 1. *числ.* як; из двух вычесть ~ аз ду якро тарҳ кардан; ~ процент як фоиз, як процент; семь раз отмерь, ~ раз отрежь *посл.* ≈ ҷомаи бамаслиҳат кутоҳ намеояд // *в знач. сущ.* один *м* кас, фард, нафар, шахс, воҳид, тан; семеро одного не ждут *погов.* ≈ ҳафт кас ба як кас мунтазир намешавад 2. *в знач. прил.* танҳо, худ, тоқа, якка, фард, воҳид; ему одному не справиться худаш танҳо аз уҳдаи ин кор намебарояд // *в знач. сущ.* один *м* якка, танҳо, тоқа; ~ в поле не воин *погов.* ≈ аз як даст садо намебарояд 3. *в знач. прил.* ягона, фақат, танҳо, як худи...; вы ~ это можете сделать фақат шумо ин корро карда метавонед; от него одни неприятности вай фақат боиси нохушӣ мешавад; выйти на улицу в одном платье ба куча тани курта баромадан // *в знач. сущ.* одно *с* як чиз, танҳо; одно меня беспокоит маро як чиз ба ташвиш андохтааст 4. *в знач. прил.* як, ҳамон як; стоять на одном месте дар як ҷо истодан; жить в одном доме дар ҳамон як ҳавлӣ истиқомат доштан // *в знач. сущ.* одно *с* ҳамон як; твердить одно и то же ҳамон як гапро гуфтан 5. *в знач. прил.* (*единый*) як, бутун, яклухт; слиться в одно целое як шудан 6. *в знач. мест.* (*с предлогом «из»*) аз, яке аз, аз ҷумлаи...; этот ученик ~ из самых способных ин талаба яке аз талабаҳои қобилияттоктарин аст 7. *в знач. прил.* (*в сочет. с «другой»*) ин, он, вай; то ~, то другой дам ин, дам он; гоҳ яке, гоҳ дигаре // *в знач. сущ.* один *м*, одна *ж*, одно *с* яке; одно другому не мешает яке ба дигаре халал намерасонад 8. *в знач. неопр. мест.* яке, як кас, як одам, ким кӣ, кадом як; мне вспомнился ~ случай як ҳодиса ба ёдам омад; приходил ~ молодой человек як ҷавон омада буд ◇ ~-единственный яккаву ягона, нодир; ~-одинёхонек, ~-одинёшенек яккаю танҳо, тоқа, якто; ~ конец *прост.* охираш як, оқибаташ як; одна лавочка *прост.* ҳамааш аз як гур, кар додари кур; одни кости пусту устухон; одним духом, за ~ дух *прост.* 1) (*очень быстро*) бисьёр тез, бо як шаст; 2) (*сразу*) якбора, дам нагирифта, бо як қулт, беист; одним махом, с одного маху якбора, зуд, тез, фавран; одним словом *вводн. сл.* хулласи калом, қисса кутоҳ; [они] одних лет онҳо ҳамсоланд; одно время як вақтҳо, як замона; одно званье *прост.* номи калону деҳи вайрон; одно званье осталось исмаш ҳасту ҷисмаш нест; одного поля ягода кар додари кур; одного порядка ба ҳам шабеҳ (монанд); одну минуту (секунду) як дам (як нафас, як лаҳза) сабр кунед; ~ за другим яке аз паси дигар; ~ к одному (одна к одной, одно к одному) яке аз дигаре беҳтар; огурчики ~ к одному бодирингҳо яке аз дигаре беҳтар; ~ как перст яккаву танҳо, як сари кок, як сару ду гуш; ~ на ~ 1) (*наедине*) якка ба якка, ру ба ру; поговорить ~ на ~ якка ба якка гуфтугу кардан; 2) (*единоборствуя*) тан ба тан; бороться ~ на ~ тан ба тан ҷанг кардан; одно к одному паси ҳам; [все] в ~ голос ҳама бо як овоз, якдилона; в (за) ~ присест бо як нишаст; всё одно фарқ надорад; все до одного ҳама чун як тан; [все] как ~ ҳама якдилона; на ~ зуб бисьёр кам, андак; на ~ покрой аз руи як андоза (қолиб); на одно лицо ба якдигар монанд; як себу ду тақсим; ни в одном глазу (глазе) маст-паст не; сна ни в одном глазу *прост.* ҳеҷ хоб намебарад; по одному як-як; с одного взгляда дидан замон; одна нога здесь, другая — там бисьёр тез, шамол барин; [хоть] одним глазком посмотреть (взглянуть) як чашм андохтан, як лаҳза дидан; как одну копейку заплатить (выложить, истратить) тин ба тин (як тин намонда) додан (адо кардан); ставить на одну доску *кого с кем, что с чем* баробар кардан; стать на одну доску с кем-л. ба касе баробар шудан; стоять одной ногой в могиле (в гробу) пой ба лаби гур расидан, офтоби сари кӯҳ будан; стричь [всех] под одну гребёнку ҳамаро бо як газ ӯлчак кардан

одинаково *нареч.* баробар, яксон, якзайл, якнавохт, ҳамранг, ҳамшакл

одинаковость *ж* баробар (якзайл, яксон, якнавохт) будан(и)

одинаков||ый, -ая, -ое (одинаков, -а, -о) баробар, якзайл, яксон, якнавохт, якранг, ҳамранг, ҳамшакл; ~ого роста ҳамқад; в ~ой мере баробар

одинарн||ый, -ая, -ое нимбар, камбар, яккарата; ~ая материя матои камбар

одинёхонек, одинёшенек, -нька, -нько *разг.*: один-~ якка, тоқа, яккаю танҳо; бекас; як сару ду гӯш, як сари қоқ

одиннадцатый, -ая, -ое *числ. порядк.* ёздаҳум

одиннадцать *числ.* ёздаҳ

одинок||ий, -ая, -ое (одинок, -а, -о) 1. якка, тоқа, танҳо 2. (*не имеющий семьи, близких*) якка, танҳо, як сару ду гӯш, бехешу табор, бехонавода, муҷаррад // *в знач. сущ.* одинокий *м* муҷаррад; ғариб, мусофир; одинокая *ж* танҳо, якка 3. бекас, бекасукуй, бехешу табор; ~ая старость пирии бекасукуй 4. *уст.* (*одиночный*) яккаса

одиноко *нареч.* якка, тоқа, танҳо

одиночеств||о *с* яккагӣ, тоқагӣ, танҳоӣ; бекасӣ; ғарибӣ, мусофирӣ; муҷаррадӣ; жить в ~е дар танҳоӣ умр ба сар бурдан

одиночк||а *ж* 1. *м, ж*, якка, танҳо, яккаву танҳо, яккадаст; кустарь-~ косиби яккадаст 2. *в знач. нареч.* одиночкой танҳо, тоқа, алоҳида, яккаву танҳо, ҷудо 3. *м, ж разг.* (*не имеющий семьи, близких*) якка, танҳо, як сару ду гӯш, бехешу табор 4. *разг.* (*тюремная камера*) камераи яккаса 5. (*упряжка*) аробаи (фойтуни) якаспа 6. (*гоночная лодка*) завраки яккаса ◇ в ~у ба танҳоӣ; по ~е як-як, якто-якто; мать-~а модари танҳо

одино́чн||ый, -ая, -ое 1. танҳо, тоқа, яккаву танҳо, алоҳида; **~ый боёц** аскари танҳо; **~ый полёт** парвози алоҳида 2. *(отдельный)* якто-якто; **~ые вы́стрелы** якто-якто тирпарронӣ 3. *(без общения с другими)* яккаса; якка, танҳо, алоҳида, ҷудогона; **~ая ка́мера** камераи яккаса

одио́зность *ж книжн.* кароҳат, номатлубӣ, номарғубӣ, манфур будан(и)

одио́зн||ый, -ая, -ое (одио́з|ен, -на, -но) *книжн.* кареҳ, номатлуб, номарғуб, манфур; **~ая ли́чность** шахси манфур

одичалость *ж* 1. *(животных)* ёбоӣ (ваҳшӣ) будан(и) // *(растений)* худрӯй (хасак) будан(и) // *(запустение)* харобӣ, вайронӣ, нооб о дӣ 2. *перен.* *(нелюдимость)* мардумгурезӣ, одамгурезӣ 3. *(безумие)* девонагӣ

одича́л||ый, -ая, -ое 1. *(о животных)* ёбоишуда, ваҳшишуда; **~ая ко́шка** гурбаи ёбоишуда // *(о растениях)* худрӯй, хасак; **~ая мали́на** марминҷони худрӯй // *(запущенный)* хароб, вайрон, нообод 2. *перен.* *(о человеке)* мардумгурез, одамгурез 3. *(безумный)* девона, девонавор; **~ый взгляд** нигоҳи девонавор

одичание *с* *(по знач. гл.* **одича́ть***)* ёбоишавӣ, ваҳшишавӣ; хасакшавӣ; харобӣ, ноободӣ

одича́||ть *сов.* 1. *(о животных)* ёбоӣ (ваҳшӣ) шудан; **ко́шка ~ла** гурба ваҳшӣ шудааст // *(о растениях)* ёбоӣ (хасак) шудан; **яблоня ~ла** [дарахти] себ хасак шудааст // *(стать запущенным)* хароб (вайрон, нообод) шудан; **сад ~л** боғ хароб шуд 2. *перен.* *(стать нелюдимым)* мардумгурез (одамгурез, хилватнишин, гушанишин) шудан // *(опуститься, огрубеть)* дағал (бадху) шудан 3. *(обезуметь)* девона шудан

оди́ческий, -ая, -ое ...и қасида, ...и мадҳия; **~ стиль** услуби қасида

одна́ *см.* **один**

одиа́жды *нареч.* 1. *(один раз)* як бор, як дафъа, як маротиба 2. *(как-то раз)* вақте, боре, замоне; **~ ве́чером** як бегоҳ

однако 1. *союз против.* лекин, аммо, вале, бо вуҷуди ин; **он о́чень торопи́лся, ~ опозда́л** у хеле шитофт, аммо дер монд 2. *в знач. вводн. сл.* бо вуҷуди ин (он), бо ин ҳама, зимнан, воқеан; **как, ~, обстоя́т дела́?** воқеан, корҳо чӣ тавр? 3. *в знач. межд.* уҳу, эҳа; **~, э́то уж сли́шком!** уҳу, кор аз ҳад гузашт!

одно́ *см.* **оди́н**

одно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маънои зерин меояд: 1) дорои як чиз будан:* **одностру́нный** яктора; **однотóмный** якҷилда; 2) *дорои сифати якхела будан:* **однокла́ссник** ҳамсинф

одноа́ктн||ый, -ая, -ое якпардагӣ; **~ая пье́са** пьесаи якпардагӣ

однобо́к||ий, -ая, -ое (однобо́к, -а, -о) 1. *(несимметричный)* якпаҳлу, якрӯя, яктарафа, якҷониба 2. *перен.* яктарафа; **~ое сужде́ние** мулоҳизаи яктарафа

однобо́ко *нареч.* яктарафа

однобо́кость *ж* яктарафа будан(и)

однобо́ртный, -ая, -ое якбара; **~ пиджа́к** пиҷаки тугмаҳояш яққатора

однобрачие *с см.* **двудо́мность**

однобрачный, -ая, -ое *см.* **двудо́мный 2**

одновале́нтность *ж хим.* яквалентият

одновале́нтный, -ая, -ое *хим.* яквалента

одновесе́льн||ый, -ая, -ое якбела; **~ая ло́дка** қаиқи якбела

одновре́ме́нно *нареч.* дар як вақт, дар айни замон, баробар, дар баробари ин

одновре́ме́нность *ж* дар як вақт воқеъ шудан(и), дар як вақт рӯй додан(и)

одновре́ме́нный, -ая, -ое яквақти, яквақта, баробар, дар як вақт рӯйдиҳанда

одноглазый, -ая, -ое якчашма

одногоди́чн||ый, -ая, -ое яксола; **~ые ку́рсы** курси яксола

одного́док *м см.* **однолéток**

одноголо́сие *с муз.* якмақомӣ, якоҳангӣ, яксавтӣ

одноголо́сный, -ая, -ое *муз.* 1. *(состоящий из одной мелодии)* якоҳанга 2. *(для исполнения одним голосом или инструментом)* ...и яккасарой, ...и яккахонӣ, ...и якканавози

одноголо́сый, -ая, -ое *см.* **одноголо́сный**

одного́рбый, -ая, -ое яккуҳона; **~ верблю́д** шутури яккуҳона

однодне́вка *ж* 1. якрӯза *(ҳашароти умраш якрӯза)*; **ба́бочка-~** шабпараки якрӯза 2. *разг.* чизи бебақо

однодне́вн||ый, -ая, -ое якрӯза; **~ая пое́здка** сафари якрӯза; **~ый дом о́тдыха** хонаи истироҳати якрӯза

однодо́льн||ый, -ая, -ое *бот.* якпаллагӣ; **~ые расте́ния** растаниҳои якпаллагӣ // *в знач. сущ.* **однодо́льные** *мн.* якпаллагиҳо

однодо́мн||ый, -ая, -ое *бот.* дуҷинса *(растании гулҳои наринаю модинааш якҷоя)*; **~ое расте́ние** растании дуҷинса

одноду́м *м* одами яққавла

одножи́льный, -ая, -ое *эл.* яктора, якрага; **~ про́вод** сими яктора

однозаря́дн||ый, -ая, -ое яктира; **~ое ружьё** милтики (туфанги) яктира

однозву́чно *нареч.* ба як оҳанг, якнавохт, якранга, якзайла, ба як садо; **~ звени́т колоко́льчик** зангӯлача якзайла ҷарангос мезанад

однозву́чный, -ая, -ое (однозву́ч|ен, -на, -но) якнавохт, яккарез, якранга, якзайла

однозначащий, -ая, -ее *книжн. см.* **однозна́чный** 1, 2

однозна́чность *ж* 1. *(тождественность)* ҳаммаъно будан(и) 2. *(наличие одного значения)* як маъно доштан(и) 3. *(наличие одного знака)* дорои як аломат будан(и)

однозна́чн||ый, -ая, -ое (однозна́ч|ен, -на, -но) 1. ҳаммаъно, ҳаммаънӣ: **~ые выраже́ния** ибораҳои ҳаммаъно 2. якмаънӣ, якмаънодор; **~ое сло́во** калимаи якмаънӣ 3. дорои як аломат, якрақама; **~ое число́** адади якрақама

одноимённость *ж* ҳамномӣ, ҳамном будан(и)

одноимённый, -ая, -ое (одноимён|ен, -на, -но) ҳамном, ба ҳамин ном

однокали́берн||ый, -ая, -ое баробаркалибр, ...и калибраш як; **~ые ору́дия** тупҳои баробаркалибр

однока́шник *м разг.* ҳамдарс, шарикдарс

однокла́ссник *м* ҳамсинф, шарикдарс

однокла́ссница *женск. к* **однокла́ссник**

одноклéточн||ый, -ая, -ое *биол.* якҳуҷайра; **~ые органи́змы** организмҳои якҳуҷайра

одноклубник *м* ҳамклуб

одноковшо́вый, -ая, -ое якбела; **~ экскава́тор** экскаватори якбела

одноколе́йка *ж разг.* роҳи оҳаии яккатта

одноколе́йный, -ая, -ое ...и роҳи оҳани якхатта

одноко́лка *ж* фойтуни дучарха

одноко́мнатн||ый, -ая, -ое якхонагӣ; **~ая кварти́ра** квартираи якхонагӣ

одноко́нный, -ая, -ое якаспа; **~ плуг** плуги якаспа

однокопытные *мн.* *(ед.* **однокопы́тное** *с)* *зоол.* тоқасумҳо

однокра́тный, -ая, -ое (однокра́т|ен, -на, -но) яккарата, якмаротиба; **~ глаго́л** феъли яккарата

одноку́рсник *м* ҳамкурс, ҳамдарс, шарикдарс

одноламповый, -ая, -ое *радио* яклампа[дор]; **~ приёмник** приёмники яклампа

однолеме́шный, -ая, -ое якпоза[дор]; **~ плуг** плуги якпоза

одноле́тн||ий, -яя, -ее яксола; **~ие расте́ния** растаниҳои яксола

одноле́тник *м бот.* растании яксола

одноле́ток *м* 1. *(ровесник)* ҳамсол, ҳамсин 2. *обл.* яксола *(ҳайвон ё гиёҳ)*

однолю́б *м* марде, ки як умр як занро дӯст медорад

однолю́бка *ж разг.* зане, ки як умр як мардро дуст медорад

однома́стн||ый, -ая, -ое якранг, ҳамранг; **~ые ло́шади** аспҳои ҳамранг

однома́чтов||ый, -ая, -ое яксутуна; **~ое су́дно** киштии яксутуна

одноме́стный, -ая, -ое якҷоя, яккаса

одномото́рный, -ая, -ое якмотора

одноно́гий, -ая, -ое якпоя

однообра́зие *с* якхелӣ, якшаклӣ, якнавохтӣ, якзайлӣ, якрангӣ

однообразно *нареч.* якхела, якшакла, якранга

однообра́зность *ж см.* **однообра́зие**

однообразный, -ая, -ое (однообра́з|ен, -на, -но) якхела, якшакла, якнавохт, якзайла, якранга, бетағьир

однoо́сн||ый, -ая, -ое яктира, якмеҳвара; **~ая коляска** аробачаи яктира

однопала́тный, -ая, -ое якпалатагӣ
однопалубный, -ая, -ое яксаҳна *(оид ба киштӣ)*
однопал||ый, -ая, -ое якангушта, яксума, тоқасум; **ло́шадь — ~ое живо́тное** асп ҳайвони тоқасум аст
одноплеме́нник *м* ҳамқабила, ҳамқавм, ҳамтоифа
одноплеме́нный, -ая, -ое ҳамқабила, ҳамқавм, ҳамтоифа
однополча́нин *м* ҳамполк
однопо́л||ый, -ая, -ое *бот.* якҷинса; **~ые цветки́** гули якҷинса
однопо́люсный, -ая, -ое *физ.* яққутбӣ
однопрохо́дные *мн. зоол.* якмақъадҳо
однопу́тка *ж см.* **одноколе́йка**
однопу́тный, -ая, -ое *см.* **одноколе́йный**
одноре́льсовый, -ая, -ое якрельса, якрельсӣ
одноро́гий, -ая, -ое якшоха
одноро́дность *ж* якҷинсӣ, ҳамҷинсӣ, монандӣ, шабоҳат, якхела будан(и); **~ соста́ва** якхела будани таркиб; **~ о́бщества** якрангии ҷамъият
одноро́дн||ый, -ая, -ое (одноро́д|ен, -на, -но) 1. *(сходный)* якҷинса якхела, монанд, шабеҳ; **~ые явле́ния** ҳодисаҳои якхела 2. *(одинаковый во всех своих частях)* якхела; **~ая жи́дкость** моеи якхела; **~ые части́цы** зарраҳои якхела ◇ **~ые чле́ны предложе́ния** *грам.* аъзоҳои чидаи ҷумла
однору́кий, -ая, -ое якдаста
одноручн||ый, -ая, -ое якдаста; **~ая пила́** арраи дастӣ
одноря́дка *ж уст.* камзӯл
одноря́дный, -ая, -ое яққатора, якрада, яққабата; **~ плот** амади яққабата
односельча́нин *м* ҳамдеҳа, ҳамқишлоқ
односельча́нка *женск. к* **односельча́нин**
односеменодо́льный, **односемядо́льный**, -ая, -ое *бот.* якпалла[гӣ]
односкатн||ый, -ая, -ое якнишеба, якруя; **~ая кры́ша** боми якнишеба
односло́вный, -ая, -ое (односло́в|ен, -на, -но) 1. яккалимагӣ 2. *перен.* мухтасар, кутоҳ
односло́жно *нареч.* мухтасар, кутоҳ
односло́жность *ж* 1. якҳиҷоӣ будан(и) 2. *перен.* мухтасар (кутоҳ) будан(и)
односло́жн||ый, -ая, -ое (односло́ж|ен, -на, -но) 1. *(о слове)* якҳиҷоӣ 2. *перен.* мухтасар, кутоҳ; **~ые отве́ты** ҷавобҳои кутоҳ
односло́йн||ый, -ая, -ое яққабата, яктабақа; **~ая фане́ра** тахтаи яққабата
односме́нный, -ая, -ое якбастгӣ
односоставн||ый, -ая, -ое: **~ое предложе́ние** *грам.* ҷумлаи яктаркиба
односпальн||ый, -ая, -ое яккаса; **~ая крова́ть** кати яккаса
одностани́чник *м* ҳамдеҳа
одностволка *ж* милтиқи якмила
одноство́льный, -ая, -ое якмила
одностворчат||ый, -ая, -ое яктабақа; **~ая дверь** дари яктабақа
одностопный, -ая, -ое *лит.* якрукна
односторо́нне *нареч.* яктарафа, якҷониба; **суди́ть ~ о чём** яктарафа муҳокима кардан
односторо́нн||ий, -яя, -ее (односторо́н|ен, -ня, -не) 1. *тк. полн. ф. (о ткани)* якруя; **~яя ткань** матои якруя 2. *тк. полн. ф. (затронувший одну сторону)* яктарафа; **~ее воспале́ние лёгких** варами як тарафи шуш 3. *(совершаемый в одном направлении)* якҷониба; **~ее движе́ние тра́нспорта** ҳаракати якҷонибаи нақлиёт 4. *(совершаемый одной стороной)* яктарафа; **~ее реше́ние** қарори (ҳалли) яктарафа 5. *перен.* *(однобокий)* яктарафа, маҳдуд; **~ее разви́тие** тараққии (инкишофи) яктарафа
односторо́нность *ж* маҳдудӣ, яктарафа (маҳдуд) будан(и)
одностру́нный, -ая, -ое *муз.* яктора
однотипность *ж* якхела (ҳамнавъ, ҳамҷинс) будан(и), ҳамнавъӣ
одноти́пн||ый, -ая, -ое (одноти́п|ен, -на, -но) якхела, ҳамнавъ, ҳамҷинс; **~ые явле́ния** ҳодисаҳои якхела
одното́мник *м* [китоби] якҷилда; **~ стихо́в** [китоби] якҷилдаи шеърҳо
одното́мн||ый, -ая, -ое якҷилда, якҷилдӣ; **~ое изда́ние** нашри якҷилдӣ
одното́нный, -ая, -ое (одното́н|ен, -на, -но) 1. *(монотонный)* ба як оҳанг, якнавохт, якзайла 2. *(одноцветный)* якранга
одноутро́бный, -ая, -ое (одноутро́б|ен, -на, -но) *разг.* дугоник
одноу́хий, -ая, -ое якгӯша, тоқагӯш
однофа́зный, -ая, -ое *эл.* якфазагӣ
однофами́лец *м* ҳамфамилия
однофами́лица *женск. к* **однофами́лец**
одноцве́тн||ый, -ая, -ое (одноцве́т|ен, -на, -но) 1. якранга; **~ая ткань** матои якранга 2. *перен.* якхела, якранга, якзайла, яктарза, якнавохт, бетағйир; **~ая жизнь** ҳаёти якранга
одноча́сье *с обл.*: **в ~** 1) *(быстро, сразу)* зуд, тез, яку якбора, фавран; **умере́ть в ~** яку якбора мурдан; 2) *(почти одновременно)* қариб дар як вақт, баробар; **вы́ехать в ~** баробар ба роҳ даромадан
одночлен *м мат.* якузва
одноэта́жный, -ая, -ое яққабата, якошьёна
одноярусный, -ая, -ое яктабақа, якошьёна, яққабата
одобре́ни||е *с* таҳсин, тасвиб, писандидан(и), маъқул донистан(и); **вы́сказать ~е** изҳори таҳсин кардан; **во́згласы ~я** нидоҳои таҳсин
одобри́тельно *нареч.* таҳсинкорона, писандомез
одобри́тельный, -ая, -ое таҳсинкунанда, маъқулдонанда; **~ о́тзыв** баҳои хуб (мусбат)
одо́брить *сов. кого-что* таҳсин (тасвиб, писанд) кардан, писандидан, маъқул донистан; **~ че́й-л. посту́пок** рафтори касеро маъқул донистан // *(согласиться с чем-л.)* розӣ шудан, маъқул донистан, писандидан; **~ прое́кт** лоиҳаро писандидан
одобря́ть *несов. см.* **одо́брить**
одобря́ться *несов. страд.* таҳсин карда шудан
одолева́ть *несов. см.* **одоле́ть**
одоле́ние *с* (*по знач. гл.* **одоле́ть** 1) *уст. и высок.* ғолиб омадан(и), мағлубгардонӣ
одоле́||ть *сов.* 1. *кого-что* *(побороть)* ғалаба кардан, ғолиб омадан, мағлуб кардан, зур баромадан, дастболо шудан; **~ть врага́** душманро мағлуб кардан // *что перен. (какое-л. чувство)* худдорӣ кардан, худро ба даст гирифтан; **~ть страх** наҳаросидан, тарсро ба дил роҳ надодан 2. *что перен. разг. (преодолеть)* уҳда кардан, аз уҳдаи чизе баромадан; **~ть перева́л** ба агба зур зада баромадан // *(усвоить)* зур зада ёд гирифтан, аз худ кардан; **~ть матема́тику** зур зада математикаро ёд гирифтан 3. *кого-что перен. (охватить)* зурӣ кардан; **его́ ~ла лень** танбалӣ бар у зурӣ кард 4. *кого перен. разг. (замучить)* азоб додан, безор кардан, ба ҷон расондан; **его́ ~л ка́шель** сулфа уро безор кард ◇ **~ть себя́** *уст.* худро маҷбур кардан
одолжа́ть *несов. см.* **одолжи́ть**
одолжа́ться *несов.* 1. *см.* **одолжи́ться**; 2. *кому, у кого уст. (становиться обязанным)* қарздор шудан; миннати касеро кашидан (бардоштан). 3. *повел.* **одолжа́йтесь** *уст. разг.* марҳамат (илтифот) кунед, бифармоед
одолже́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **одолжи́ть**) 1) *уст.* қарз (насия) додан(и) 2. *(услуга)* хизмат, илтифот, лутф, марҳамат ◇ **сде́лайте ~** *уст.* 1) *(форма вежливой просьбы)* илтифот (марҳамат) кун(ед), бифармоед; 2) *(форма вежливого согласия)* марҳамат, ба чашм
одолжи́ть *сов.* 1. *кого-что, чего (дать в долг, во временное пользование)* қарз (насия, ба орият) додан 2. *кого уст. (вызвать чувство признательности)* миннатдор (мамнун) кардан
одолжи́ться *сов. уст. разг. (взять в долг)* қарз (насия, ба орият) гирифтан, қарздор шудан
одома́шнение *с см.* **одома́шнивание**
одома́шнивание *с* (*по знач. гл.* **одома́шнить**) хонагӣ (ром, дастомуз) кардан(и); (*по знач. гл.* **одома́шниться**) хонагӣ (ром, дастомуз) шудан(и)
одома́шнивать *несов. см.* **одома́шнить**
одома́шниваться *несов. страд.* хонагӣ карда шудан
одома́шнить *сов. кого* хонагӣ (хоназод, ром, дастомӯз) кардан; **~ медве́жонка** хирсчаро ром кардан
одома́шниться *сов.* хонагӣ (хоназод, ром, дастомуз) шудан
одо́нье *с обл.* ғарамча
одопи́сец *м* қасидагуй, қасидасарой
одр *м уст.* бистар, ҷойгаҳ ◇ **на сме́ртном ~е́** дар бистари марг

одревеснéние *с* (*по знач. гл.* **одревеснéть**) мисли чуб шудан(и)

одревеснéть *сов.* мисли чуб шудан, шахшул шудан

одряблéть *сов. см.* **одря́бнуть**

одря́бнуть *сов. прост.* пажмурда (афсурда, фасурда, фартут) шудан

одряхлéние *с* (*по знач. гл.* **одряхлéть**) фартутшавӣ, афсурдагӣ

одряхлé||ть *сов.* фартут (афсурда) шудан // *перен.* фатарот шудан; **дом ~л** хона фатарот шудааст

одря́хнуть *сов. см.* **одряхлéть**

одувáнчик *м бот.* коку

оду́маться *сов.* 1. аз фикри худ гаштан, хатои худро фаҳмидан 2. *разг.* (*опомниться*) ба ҳуш (ба худ) омадан, ҳушьёр шудан

оду́мываться *несов. см.* **оду́маться**

одурáчивать *несов. см.* **одурáчить**

одурáчиваться *несов. страд.* аҳмақ карда шудан

одурáчить *сов. кого-что разг.* аҳмақ кардан, фиреб додан, гул задан

одурéлый, -ая, -ое *разг.* гаранг, гиҷ, девона

одурéни||е *с* (*по знач. гл.* **одурéть**) гарангӣ, гиҷшавӣ, девонагӣ; **дойти́ до ~я** ба дараҷаи девонагӣ расидан

одурéть *сов. разг.* гаранг (гиҷ, девона) шудан

одурмáнивать *несов. см.* **одурмáнить**

одурмáниваться *несов.* 1. *см.* **одурмáниться**; 2. *страд.* гаранг карда шудан

одурмáнить *сов. кого-что* гаранг (гиҷ, девона, маст) кардан

одурмáниться *сов.* гаранг (гиҷ, девона, маст) шудан

óдур||ь *ж разг.* гарангӣ, девонагӣ; **на негó ~ь нашлá** девонагиаш гирифт; **пить до ~и** мурданивор нушидан

одуря́ть *несов. кого-что разг.* гаранг (гиҷ, девона, маст) кардан

одуря́ющий, -ая, -ее *прич.*, *прил.* гарангкунанда, девонакунанда

одутловáтость *ж* омос; ~ **лицá** омоси руй // (*опухшее место*) халга, варам

одутловáт||ый, -ая, -ое (одутловат, -а, -о) омосӣ, халташуда, варамида; **~ое лицó** руи варамида

оду́тлость *ж уст. см.* **одутловáтость**

оду́тлый, -ая, -ое *уст. см.* **одутловáтый**

одухотворéние *с* (*по знач.* **одухотвори́ть** 1) ҷондор шумурдан(и)

одухотворённость *ж* руҳбаландӣ, илҳом

одухотворённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* рӯҳбаланд кардашуда, илҳомгирифта 2. *прил.* (одухотворён, -на, -но) руҳбаланд, пурилҳом; **~ая речь** нутқи пурилҳом

одухотвори́ть *сов. кого-что* 1. ҷондор шумурдан; ~ **приро́ду** табиатро ҷондор шумурдан 2. (*пробудить высокие помыслы*) руҳбаланд кардан, илҳом бахшидан

одухотворя́ть *несов. см.* **одухотвори́ть**

одухотворя́ться *несов. страд.* руҳбаланд карда шудан

одушеви́ть *сов. кого-что* 1. (*наделить свойствами живого существа*) ҷондор шумурдан 2. *уст.* (*воодушевить*) руҳбаланд кардан, илҳом бахшидан

одушеви́ться *сов. уст.* руҳбаланд шудан

одушевлéние *с* 1. (*по знач. гл.* **одушеви́ть** 1) зирух (ҷондор) шумурдан(и) 2. *уст.* руҳбаландӣ, илҳом, ваҷд, ғайрат, шавқу завқ; **говори́ть с ~м** бо ваҷд гап задан

одушевлённость *ж* 1. ҷондор будан(и), ҷондорӣ // *грам.* ҷондор будан(и) 2. *уст.* руҳбаланд будан(и)

одушевлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* рӯҳбаланд кардашуда 2. *прил.* (*живой*) зинда, ҷондор // *грам.* ҷондор; **~ый предмéт** чизи ҷондор 3. *прил. уст.* руҳбаланд, илҳомгирифта, илҳомьёфта, пурнур; **~ое лицó** чеҳраи пурнур

одушевля́ть *несов. см.* **одушеви́ть**

одушевля́ться *несов.* 1. *см.* **одушеви́ться**; 2. *страд.* зируҳ карда шудан

оды́шк||а *ж* тангнафасӣ, нафастангӣ, зиқи нафас; **страдáть ~ой** гирифтори зиқи нафас будан

ожелéдь *ж обл.* (*гололедица*) яхчабандӣ

ожени́ть *сов. кого прост.* хонадор кардан, зан додан

ожени́ться *сов. прост.* хонадор шудан, зан гирифтан

ожереби́ть *сов. кого прост.* зоидан (*оид ба асп, хар, шутур*)

ожереби́ться *сов.* зоидан (*оид ба асп, хар, шутур*)

ожерéлье *с* гарданбанд, зеби гардан, тавқ; **коралловое** ~ шаддаи марҷон

ожесточáть *несов. см.* **ожесточи́ть**

ожесточáться *несов.* 1. *см.* **ожесточи́ться**; 2. *страд.* сангдил карда шудан

ожесточéние *с* 1. (*по знач. гл.* **ожесточи́ть**) сангдил (бераҳм) кардан(и) 2. (*озлобление*) сангдилӣ, бераҳми 3. *перен.* (*упорство*) шиддат, иродкорӣ; **гребцы́ с ~м налегли́ на вёсла** қаиқронон бо шиддат бел заданд

ожесточённо *нареч.* 1. (*сурово, жестоко*) сангдилона, бераҳмона 2. (*упорно*) бо шиддат, иродкорона, сахт; ~ **сопротивля́ться** сахт муқобилат кардан

ожесточённость *ж* 1. (*суровость, безжалостность*) сангдилӣ, бераҳмӣ 2. *перен.* (*упорство*) шиддат, иродкорӣ

ожесточённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* сангдил (бераҳм) кардашуда 2. *прил.* (ожесточён, -на, -но) (*суровый, безжалостный*) сангдил(она), бераҳм(она); **~ый человéк** одами бераҳм 3. *прил.* (ожесточён, -на, -но) (*упорный*) шадид, иродкорона; **~ые бои́** ҷангҳои шадид

ожесточи́ть *сов. кого-что* 1. (*сделать суровым, жестоким*) сангдил (бераҳм) кардан 2. (*сделать непреклонным*) иродкор (гарданшах, якрав) кардан

ожесточи́ться *сов.* 1. (*стать суровым, жестоким*) сангдил (бераҳм) шудан 2. (*стать непреклонным*) иродкор (гарданшах, якрав) шудан

ожéчь *сов.* 1. *см.* **обжéчь**; 2. *кого-что перен. разг.* задан, қамчин задан

ожéчься *сов. см.* **обжéчься**

оживáть *несов. см.* **ожи́ть**

оживи́ть *сов.* 1. *кого-что* зинда (эҳьё) кардан // (*придать бодрости*) бардам (зиндадил) кардан, руҳ бахшидан 2. *что перен.* (*восстановить в памяти*) ба хотир (ба ёд) овардан // (*вновь пробудить*) аз нав пайдо кардан (кунонидан); ~ **надéжду** аз нав умедвор кардан 3. *что* (*наполнить жизнью, движением*) обод кардан, ба ҷунбиш овардан; ~ **пусты́ню** биёбонро обод кардан 4. *что* (*сделать более интенсивным*) ривоҷ (равнақ) додан; ~ **рабóту кружкá** кори маҳфилро ривоҷ додан (ҷоннок кардан)

оживи́||ться *сов.* 1. *уст.* зинда (эҳьё) шудан, ҷон (руҳ) гирифтан; **приро́да ~лась пóсле дождя́** табиат баъд аз борон ҷон гирифт 2. (*стать более живым, весёлым*) зиндадил (хушҳол) шудан 3. (*наполниться жизнью, движением*) обод шудан, ба ҷунбиш даромадан; **дом ~лся** аҳли хона ба ҷунбиш даромаданд 4. (*стать более интенсивным*) авҷ гирифтан, равнақ ёфтан; **игрá ~лась** бозӣ авҷ гирифт

оживлéние *с* 1. (*по знач. гл.* **оживи́ть**) зинда кардан(и); ~ **органи́зма** зинда кардани организм 2. (*живость, весёлость*) зиндадилӣ, хушҳолӣ 3. (*движение, суета*) давуғеҷ, ташвиш, тараддуд, ҷунбуҷул; **в зáле начáлось** ~ дар зал ҷунбуҷӯл сар шуд

оживлённо *нареч.* гарму ҷушон, бо шавқу завқ; ~ **бесéдовать** гарму ҷушон суҳбат кардан

оживлённость *ж* хушҳоли, зиндадилӣ

оживлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* зинда кардашуда 2. *прил.* (оживлён, -на, -но) (*весёлый, возбуждённый*) хушҳол, шод, хурсанд, зиндадил, пурҷӯшу хуруш, хурушон // (*протекающий живо, бойко*) пуравҷ, серавҷ, гарму ҷӯшон, баравнақ, гарм; **~ая бесéда** суҳбати гарму ҷушон 3. *прил.* (оживлён, -на, -но) (*исполненный жизни, движения*) серодам, пуродам, серҳаракат; **~ые у́лицы** кучаҳои серодам

оживля́ть *несов. см.* **оживи́ть**

оживля́ться *несов.* 1. *см.* **оживи́ться**; 2. *страд.* зинда карда шудан

оживотвори́ть *сов. кого-что уст. книжн.* эҳьё кардан

оживотвори́ться *сов. уст. книжн.* эҳьё шудан

оживотворя́ть(ся) *несов. см.* **оживотвори́ть(ся)**

ожигáть *несов. см.* **ожéчь**

ожидáни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **ожидáть**) интизорӣ, мунтазиршавӣ, маъталшавӣ; **зал ~я** зали интизорӣ 2. *чаще мн.* **ожидания** (*предположение, надежда*) умед, умедворӣ, чашмдошт; **обману́ть чьй-л. ~я** умеди касеро бар

бод додан; **вопреки** ~**ю** бар хилофи чашмдошт

ожидательный, -ая, -ое *см.* **выжидательный,**

ожида||ть *несов.* 1. *кого-что, чего* интизор кашидан, мунтазир (маътал) шудан, нигарон (чашм дар роҳ) шудан; ~**ть трамвая** ба трамвай мунтазир шудан 2. *чего, с неопр. или с союзом «что» (предполагать, надеяться)* умедвор шудан, чашм доштан; **этого следовало** ~**ть** бояд ҳамин хел мешуд 3. *что (предстоять)* дар пеш будан; **его** ~**л долгий путь** уро роҳи дуру дароз дар пеш буд

ожида||ться *несов.* тахмин карда шудан, дар назар дошта шудан; **лето** ~**лось жаркое** тахмин буд, ки тобистон гарм хоҳад шуд

ожидающий, -ая, -ее 1. *прич.* мунтазир, маътал 2. *прил. (выражающий ожидание)* баумед 3. *в знач. сущ.* **ожидающий** *м* одами мунтазир

ожирелый, -ая, -ое фарбеҳ, пургушт, ғафс

ожирение *с (по знач. гл.* **ожиреть)** фарбеҳӣ; **страдать** ~**м** аз фарбеҳи азоб кашидан

ожиреть *сов.* фарбеҳ шудан, равған бастан

ожить *сов.* 1. зинда (эҳьё) шудан 2. *перен. (воспрянуть духом)* зиндадил шудан, мадор (маҷол) пайдо кардан 3. *перен. (о мыслях, чувствах)* ба хотир (ба ёд) омадан; **всё ожило в памяти** ҳамааш боз ба хотир омад 4. *(наполниться жизнью, движением)* обод шудан, ба ҷушу хуруш даромадан; **лес ожил** ҷангал ба ҷушу хуруш даромад

ожог *м* 1. сухта; **степень** ~**а** дараҷаи сӯхта 2. *(место)* ҷои сухта[гӣ]

озаботить *сов. кого-что* серташвиш (пурзаҳмат) кардан, ба ташвиш андохтан, мушавваш (парешонхотир) кардан

озаботиться *сов. чем* ғамхорӣ кардан, ғами *чизеро* хурдан

озабоченно *нареч.* ташвишомез, бо тараддуд, боизтироб

озабоченность *ж* мушавваши, сертараддудӣ

озабоченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ба ташвиш андохта 2. *прил.* (озабочен, -на, -но) мушавваш, серташвиш, сертараддуд, безобита, пуризтироб; ~**ое лицо** чеҳраи мушавваш

озабочивать(ся) *несов. см.* **озаботить(ся)**

озаглавить *сов. что* сарлавҳа гузоштан (мондан), номидан, ном ниҳодан (мондан); ~ **книгу** китобро ном мондан

озаглавливать *несов. см.* **озаглавить**

озаглавливаться *несов. страд.* сарлавҳа гузошта шудан

озадаченно *нареч.* гаранг шуда, бо ҳайрат, бо тааҷҷуб, ҳайрон шуда, мутаҳайирона

озадаченность *ж* гарангӣ, ҳайрат, ҳайронӣ, тааҷҷуб, мутаҳайирӣ

озадаченный, -ая, -ое 1. *прич.* гаранг кардашуда 2. *прил.* гаранг, мутаҳайир, мутааҷҷиб, саросемашуда; **у него** ~ **вид** ӯ мутаҳайир менамояд

озадачивать(ся) *несов. см.* **озадачить(ся)**

озадачить *сов. кого-что* гаранг (ҳайрон) кардан, ба ҳайрат (ба душворӣ) андохтан

озадачиться *сов. разг.* гаранг (ҳайрон) шудан, дар ҳайрат мондан, ба душворӣ афтодан

озарение *с* 1. *(по знач. гл.* **озарить** 1) равшан кардан(и), нурпошӣ; *(по знач. гл.* **озариться)** равшаншавӣ, мунавваршавӣ 2. *перен.* илҳом ваҳӣ

озари||ть *сов. кого-что* 1. равшан (мунаввар, дурахшон) кардан, нур пошидан // *перен.* мунаввар (пурнур) кардан; **улыбка** ~**ла её лицо** нури табассум чеҳраи уро мунаввар кард 2. *перен. (неожиданно прийти на ум)* илҳом бахшидан; **прекрасная мысль** ~**ла его** фикри наҷиб ба у илҳом бахшид

озари||ться *сов.* равшан (мунаввар, дурахшон) шудан // *перен.* мунаввар (пурнур) шудан; **его лицо** ~**лось надеждой** чеҳраи вай аз умед пурнур шуд

озарять *несов. см.* **озарить**

озаряться *несов.* 1. *см.* **озариться;** 2. *страд.* равшан карда шудан

озверелый, -ая, -ое хашмгин, оташиншуда, пурғазабшуда

озверение *с (по знач. гл.* **озвереть)** ваҳшоният, ваҳшигарӣ

озвереть *сов.* ваҳшӣ шудан, даррандасифат (дадсифат) шудан // *(рассвирепеть)* хашмгин шудан, қаҳру ҷаҳл кардан, ба хашму ғазаб омадан

озвучение *с (по знач. гл.* **озвучить)** овоздор кардан(и)

озвучивать *несов. см.* **озвучить**

озвучиваться *несов. страд.* овоздор карда шудан

озвучить *сов. что* овоздор кардан; ~ **фильм** фильмро овоздор кардан

оздоровительно-трудовой, -ая, -ое ...и меҳнату беҳдошт; ~ **лагерь для подростков и молодёжи** лагери меҳнату беҳдошти наврасон ва ҷавонон

оздоровительн||ый, -ая, -ое беҳдошт, ...и тандурустӣ, ...и саломатӣ; ~**ые учреждения** муассисаҳои беҳдошт

оздоровить *сов.* 1. *кого-что* беҳдошт (тандуруст, сиҳат, солим) кардан; ~ **организм** организмро сиҳат кардан // *что* солим (беҳтар, дуруст) кардан; ~ **условия труда** шароити меҳнатро беҳтар кардан 2. *что перен.* дуруст кардан, ба тартиб овардан; ~ **обстановку в коллективе** вазъияти коллективро дуруст кардан

оздоровление *с (по знач. гл.* **оздоровить)** беҳдошт (тандуруст, сиҳат) кардан(и); беҳтар кардан(и); дуруст кардан(и); ~ **окружающей среды** беҳдошмуҳит; ~ **международной атмосферы** беҳдошти муҳити вазъияти байналхалқӣ

оздоровлять *несов. см.* **оздоровить**

оздоровляться *несов. страд.* тандуруст (сиҳат) карда шудан

озеленение *с (по знач. гл.* **озеленить)** кабудизоркунӣ; ~ **города** кабудизоркунии шаҳр

озеленитель *м* ниҳолшинон, кабудизоркунанда

озеленительн||ый, -ая, -ое ...и кабудизоркунӣ; ~**ые работы** ниҳолшинонӣ

озеленить *сов. что* кабудизор кардан

озеленять *несов. см.* **озеленить**

озеленяться *несов. страд.* кабудизор карда шудан

оземь *нареч. разг.* ба замин, бар замин; **он ударился головой** ~ у ба замин сарнокӣ зад

озерко *с уменьш. к* **озеро** толоб, кулча

озёрн||ый, -ая, -ое ...и кул, кулӣ, ...и толоб, толобӣ; ~**ая вода** оби кул; ~**ая рыба** моҳии кул // *(обильный озёрами)* серкул; ~**ый край** кишвари серкул

озеро *с* кул; **солёное** ~ кули шур; **проточное** ~ кули обаш равон

озероведение *с* кулшиносӣ

озерцо *с уменьш. к* **озеро** толоб, кулча

озим||ый, -ая, -ое 1. тирамоҳӣ; ~**ая пшеница** гандуми тирамоҳӣ // *в знач. сущ.* **озимые** *мн.* кишти тирамоҳӣ 2. ...и кишти тирамоҳӣ; ~**ые поля** замини кишти тирамоҳӣ

озимь *ж* 1. *(посевы)* кишти тирамоҳӣ 2. *(поле)* майдони кишти тирамоҳӣ

озирать *несов. кого-что книжн.* аз назар гузарондан, назар (чашм) андохтан, нигоҳ (тамошо) кардан

озираться *несов.* ба ақиб (ба ҳар тараф) нигоҳ кардан, ба атроф назар андохтан

озлатить *сов. уст. поэт. см.* **озолотить** 1

озлащать *несов. см.* **озлатить**

озлить(ся) *сов. прост. см.* **обозлить(ся)**

озлобить *сов. кого-что* хашмгин кардан, ба ғазаб овардан, бадхашм (бадқаҳр) кардан

озлобиться *сов.* хашмгин шудан, ба ғазаб омадан, бадхашм (бадқаҳр) шудан

озлобление *с (по знач. гл.* **озлобить)** хашмгин кардан(и), ба ғазаб овардан(и); *(по знач. гл.* **озлобиться)** хашмгин шудан(и), ба ғазаб омадан(и); хашмгинӣ, ғазабноки

озлобленно *нареч.* хашмгинона, бо ғазаб, бадқаҳрона, бадхашмона

озлобленность *ж* хашмгинӣ, бадқаҳрӣ, бадҷаҳлӣ, бадхашмӣ

озлобленный, -ая, -ое 1. *прич.* хашмгиншуда, бадқаҳршуда 2. *прил.* (озлоблен, -на, -но) хашмгин, бадқаҳр, бадҷаҳл; ~ **человек** одами хашмгин

озлоблять *несов. см.* **озлобить**

озлобляться *несов.* 1. *см.* **озлобиться;** 2. *страд.* хашмгин карда шудан

ознакомить *сов. кого-что с чем* шинос (шиносо) кардан; ~ **с инструкцией** бо дастурумал шиносо кардан

ознакомиться *сов. с чем* шинос (шиносо) шудан

ознакомление *с (по знач. гл.* **озна-**

комить) шиносоӣ, шиносо кардан(и); (*по знач. гл.* **ознакомиться)** шиносошавӣ, шиносо шудан(и)

ознакомлять *несов. см.* **ознакомить**

ознакомляться *несов.* 1. *см.* **ознакомиться;** 2. *страд.* шиносо карда шудан

ознаменование *с* (*по знач. гл.* **ознаменовать)** хотиравӣ кардан(и) ◇ **в ~ чего-л.** ба хотири (ба шарафи, ба муносибати) чизе

ознаменова||ть *сов. что* 1. ишорат (далолат) кардан, шаҳодат додан; **забастовки ~ли начало революционных событий** корпартоиҳо аз сар шудани воқеаҳои революционӣ шаҳодат медоданд 2. хотиравӣ кардан; бо тантана қайд кардан (гузарондан), ҷашн гирифтан; **~ть день выпуска учащихся** рӯзи хатми таҳсили талабагонро ҷашн гирифтан; **~ть праздник производственными успехами** идро бо комьёбиҳои истехсолӣ пешвоз гирифтан

ознаменова||ться *сов. чем* (*стать примечательным, знаменательным*) хотиравӣ шудан, шуҳрат ёфтан, машҳур шудан; **этот год ~лся новым подъёмом народного хозяйства** ин сол бо пешрафти нави хоҷагии халқ шуҳрат ёфт

ознаменовывать *несов. см.* **ознаменовать** 2

ознаменовываться *несов.* 1. *см.* **ознаменоваться;** 2. *страд.* хотиравӣ карда шудан

означа||ть *несов.* 1. *сущ.* **означить;** 2. *что* маъно доштан, нишон додан; **что ~ет ваше молчание?** сукути шумо чӣ маъно дорад?

означаться *несов.* 1. *см.* **означиться;** 2. *страд.* ишорат карда шудан

означенный, -ая, -ое 1. *прич.* нишон додашуда, қайд кардашуда 2. *прил. книжн.* (*вышеуказанный, вышеупомянутый*) мазкур, мазбур, фавқулзикр

означить *сов. уст. см.* **обозначить** 1

означиться *сов. уст. см.* **обозначиться**

озноб *м* ларза, вараҷа

озокерит *м* озокерит (*муми куҳӣ; нефтбитуми табиӣ*)

озолоти||ть *сов.* 1. *что* тиллогун (заррин) кардан; **солнце ~ло вершину дерева** офтоб нуги дарахтро заррин кард 2. *кого-что* (*щедро одарить*) турми дари *касеро* аз тилло кардан, аз сари *касе* тилло пошидан

озолотиться *сов.* тиллогун (заррин) шудан

озон *м хим.* озон

озонатор *м* озонатор (*асбоби безараргардонии об ва серозон кардани ҳаво*)

озонизация *ж* озононӣ

озонирование *с* (*по знач. гл.* **озонировать** 2) озононидан(и)

озонировать *сов., несов. что* 1. *хим.* озон кардан 2. озононидан; **~ воду** об озононидан

озонироваться *несов. страд.* озононида шудан

озоновый, -ая, -ое *хим.* озонӣ, ...и озон, озондор

озорник *м* 1. балоча 2. *прост.* (*буян, скандалист*) ҷангара, ҷанҷолчӣ

озорница *женск.* **к озорник**

озорничать *несов.* 1. (*шалить*) шӯхӣ кардан 2. *прост.* (*буянить, скандалить*) ҷанҷол кардан

озорной, -ая, -ое 1. (*шаловливый*) шух 2. *прост.* (*буйный, скандальный*) ҷангара, ҷанҷолгӣ

озоровать *несов. прост. см.* **озорничать**

озорство *с разг.* 1. (*шалости*) шӯхӣ 2. (*скандальное поведение*) ҷангарагӣ

озяб||нуть *сов. разг.* хунук (сармо) хурдан; **у меня ~ли руки** дастҳоям хунук хурданд

ой *межд.* вой, ух, уф, ой

ойкать *несов. разг.* «вой» гуфтан, оҳу воҳ кардан

ойкнуть *сов. однокр. к* **ойкать**

ойкумена *ж геогр. уст.* рубъи маскун

ой ли *межд. вопр. прост.* наход, наход ки, ҳамин тавр бошад

ойраты *мн. уст.* ойратҳо (*номи пештараи дарбатҳо, бойитҳо, торғутҳо, олутҳо, зағчинҳо барин қавмҳои муғулҳои ғарбӣ; ононе, ки дар асри 17 дар Россия маскун шуда, қалмоқ ном гирифтанд*)

ойрот *м уст.* ойрот

ойротка *ж уст.* ойротзан, ойротдухтар, зани (духтари) ойрот

ойротский, -ая, -ое *уст.* ...и ойрот, ойротӣ

оказание *с* (*по знач. гл.* **оказать)** кардан(и), додан(и), расондан(и); **~ первой помощи** расондани ёрии аввалин

оказать *сов. что* кардан, намудан, додан, расондан; **~ услугу** хизмат кардан (расондан); **~ доверие** изҳори бовар кардан, эътимод кардан; **~ сопротивление** муқобилат кардан

оказа||ться *сов.* 1. будан, баромадан, маълум (ошкоро) шудан, ошкор гардидан; **он ~лся хорошим товарищем** маълум шуд, ки вай рафиқи нағз будааст; **лес ~лся очень большим** маълум шуд, ки ҷангал бисьёр калон будааст // *безл.* маълум (намоён) шудан; **как ~лось, в тексте был пропуск** чунон ки маълум шуд, як қисми матн афтодааст 2. (*найтись*) ёфт шудан, будан; **в зале не ~лось свободных мест** дар зал ҷои холӣ набуд (ёфт нашуд) 3. (*очутиться*) афтода (даромада) мондан, дучор шудан (*дар ҷое ё ба ҳолате*); **мы ~лись в ущелье** мо ба дара даромада мондем; **~ться в опасности** дучори хатар гардидан (шудан) ◇ **~ться на высоте положения (требований** *и т. п.*) дастболо будан; **~ться у разбитого корыта** ду даст дар бинӣ мондан

оказия *ж* 1. *уст.* (*удобный случай*) фурсат, имконият 2. *разг.* воқеаи аҷиб (ғалатӣ), ҳодисаи (воқеаи) ғайричашмдошт; **вот так ~!, что за ~!** аҷабо

оказывать *несов. см.* **оказать**

оказыва||ться *несов.* 1. *см.* **оказаться;** 2. *3 л. ед.* **оказывается** *в знач. вводн. сл.* маълум шуд, ки...; **книга, ~ется, лежала в шкафу** маълум шуд, ки китоб дар даруни ҷевон будааст 3. *страд.* дода шудан, расонда шудан

окаймить *сов. что* ҳошия духтан (кашидан), ҳошиядор кардан

окаймление *с* 1. (*по знач. гл.* **окаймить)** ҳошиякашӣ, ҳошиядор кардан(и) 2. ҳошия, ҷияк, зеҳ, канора, фаровез

окаймлять *несов.* 1. *см.* **окаймить;** 2. *что перен.* фаро гирифтан, печондан, иҳота кардан

окаймляться *несов. страд.* ҳошия кашида шудан

окалина *ж* тафолаи (чирки, рими) оҳан

окаменелость *ж* 1. санг шудан(и); сахтӣ; беҳаракатӣ 2. *чаще мн.* **окаменелости** ҳайвоноти сангшуда; растаниҳои санггардида

окамене||лый, -ая, -ое 1. сангшуда // *перен.* қоқ, сахт; **~ая лепёшка** нони қоқ 2. *перен.* (*безжизненный, безучастный*) беҳаракат, беҳис, гаранг, карахт // (*суровый, безжалостный*) бераҳм, сангдил, сахтдил

окаменение *с* (*по знач. гл.* **окаменеть)** сангшавӣ; сахтшавӣ; карахтӣ

окаменеть *сов.* 1. санг шудан // *перен.* (*стать жёстким, твёрдым*) қоқ (сахт) шудан 2. *перен.* (*замереть, оцепенеть*) карахт (шах) шуда мондан 3. *перен.* (*стать безучастным*) беҳаракат (беҳис, гаранг) шуда мондан // (*стать безжалостным*) бераҳм (сангдил, сахтдил) шудан

окантовать *сов. что* ҳошия кашидан, лаба задан, лаблула шинондан, зеҳ (канора) духтан, мағзи шинондан

окантовка *ж* 1. (*по знач. гл.* **окантовать)** ҳошиякашӣ, лабазанӣ, лаблулашинонӣ, зеҳдузӣ, мағзишинонӣ 2. ҳошия, лаблула, зеҳ канора, фаровез

окантовывать *несов. см.* **окантовать**

окантовываться *несов. страд.* ҳошия кашида шудан

оканчивать *несов. см.* **окончить**

оканчива||ться *несов.* 1. *см.* **окончиться;** 2. *чем, на что* тамом шудан, ба охир расидан; **слово ~ется на согласную** калима ба ҳарфи садонок тамом мешавад 3. *страд.* тамом карда (ба анҷом расонда) шудан

оканье *с* (*по знач. гл.* **окать)** «о-о» гуфта гап задан(и) (*хоси лаҳҷаҳои шимоли Россия*)

окапывание *с* (*по знач.* **окопать)** гирдогирд кофтан(и)

окапывать *несов. см.* **окопать**

окапываться *несов.* 1. *см.* **окопаться:** 2. *страд.* гирдогирд кофта шудан

окарина *ж муз.* ҳуштак

окатить *сов. кого-что* рехтан, аз боло пошидан ◇ **~ холодной водой** дилхунук (дилсард) кардан

окатиться *сов.* аз сари худ рехтан

окатывать(ся) *несов. разг. см.* **окачивать(ся)**

окать *несов.* «о-о» гуфта гап задан

окачивать *несов. см.* **окатить**

окачиваться *несов.* 1. *см.* **окатиться**; 2. *страд.* рехта шудан

окашивать *несов.* гирдогирд даравидан

окашиваться *несов. страд.* гирдогирд даравида шудан

окаянный, -ая, -ое 1. *уст.* (*проклятый*) малъун, мардуд // (*греховный, нечестивый*) кофир, пургунох 2. *в знач. сущ.* **окаянный** *м уст. разг.* дев, ачина, шайтон 3. *бран. прост.* лаънатӣ, баттол

окаянство *с уст. разг.* (*греховность*) кофирӣ, пургунохӣ

океан *м* 1. уқьёнус, океан 2. *перен.* як олам, як дуньё, як туда, дарьё-дарьё; ~ **слёз** дарьё-дарьё оби дида ◇ **воздушный** ~ осмон

океанавт *м* укьёнуснавард

океаническ||ий, -ая, -ое ...и уқьёнус, ...и океан, уқьёнусӣ; ~**ие глубины** каъри уқьёнус; ~**ая рыба** моҳии укьёнус; ~**ий климат** обу ҳавои уқьёнус.

океанограф *м* уқьёнусшинос, океанограф, мутахассиси океанография

океанографический, -ая, -ое ...и уқьёнусшиносӣ, ...и океанография

океанография *ж* уқьёнусшиносӣ, океанография, океаншиносӣ

океанолог *м см.* **океанограф**

океанологический, -ая, -ое *см.* **океанографический**

океанология *ж см.* **океанография**

океанск||ий, -ая, -ое ...и укьёнус, ...и океан; ~**ие волны** мавҷҳои укьёнус; ~**ий пароход** киштии укьёнуспаймо; ~**ое плавание** укьёнуспаймоӣ, саёҳати уқьёнус

окидывать *несов. см.* **окинуть**

окинуть *сов. кого-что*: ~ **взглядом** (**взором, глазами**) нигоҳ кардан, назар андохтан (афкандан)

окисел *м хим.* оксид

окисление *с хим.* оксидшавӣ

окислитель *м хим.* оксидкунанда

окислительн||ый, -ая, -ое *хим.* оксидкунанда; ~**ые установки** асбобҳои оксидкунанда

окислить *сов. что хим.* оксид кардан

окислиться *сов. хим.* оксид шудан

окислять *несов. см.* **окислить**

окисляться *несов.* 1. *см.* **окислиться**; 2. *страд.* оксид карда шудан

окись *ж хим.* окись

окклюдировать *сов., несов. что тех.* ҷаббидан

окклюдироваться *несов. страд.* ҷаббида шудан

окклюзия *ж тех.* ҷаббиш

оккультизм *м* симиё, илми симиё

оккультный, -ая, -ое ...и симиё

оккупант *м* истилогар, ишғолгар, забткунанда

оккупантский, -ая, -ое истилогарона, забткорона; ...и истилогарӣ, ...и истилогар, ...и зобит

оккупационн||ый, -ая, -ое ишғолӣ; ~**ые войска** қушунҳои ишғолӣ

оккупация *ж* истило (ишғол, забт) кардан(и)

оккупировать *сов., несов. что* истило (ишғол, забт) кардан

оккупироваться *несов. страд.* истило карда шудан

оклад *м* 1. маош, моҳона, моҳиёна; **месячный** ~ моҳона 2. *фин.* андоз, маблағи андоз 3. *охот.* миёнагир кардан(и); ~ **зверя** миёнагир кардани сайд 4. (*у иконы*) зеҳи заркуби уқнус 5. *уст.* (*контур фигуры, лица*) суроб

окладистый, -ая, -ое (*о бороде*) ғулӣ, паҳн, калон

окладной, -ая, -ое *фин.* 1. ...и моҳона 2. ...и андоз

окладывать *несов. см.* **обложить** 4

оклевать *сов. см.* **обклевать**

оклеветать *сов. кого-что* туҳмат (бухтон, бадном) кардан

оклёвывать(ся) *несов. см.* **обклёвывать(ся)**

оклеивание *с см.* **оклейка** 1

оклеивать *несов. см.* **оклеить**

оклеиваться *несов. страд.* часпонда шудан

оклеить *сов. что* часпондан, ширеш (шилим) кардан; ~ **стены обоями** ба деворҳо зардеворӣ часпондан

оклейка *ж* 1. (*по знач. гл.* **оклеить**) часпондан(и) 2. чизи мечаспондагӣ

оклик *м* ҷеғ, фарьёд

окликать *несов. см.* **окликнуть**

окликаться *несов.* 1. *уст.* ҳамдигарро ҷеғ задан 2. *страд.* ҷеғ зада шудан

окликнуть *сов. кого* ҷеғ задан, садо (фарьёд) кардан; ~ **прохожего** раҳгузарро ҷеғ задан

окно *с* 1. тиреза, дарича; **решётчатое** ~ тирезаи панҷарадор 2. *разг.* токчаи тиреза 3. *перен.* (*просвет*) кодок, равзан 4. *перен. разг.* (*промежуток*) соати холии байни дарсҳо (лексияҳо) ◇ **глухое** ~ тирезаи қалбакӣ; **слуховое** ~ равзани бом

око *с* (*мн.* **очи**) *уст. поэт.* чашм, дида ◇ ~ **за** ~, **зуб за зуб** *погов.* ба кирдори бад сазои бад; ба ҷуз бад набошад мукофоти бад; **в мгновение ока** дар як мижа задан; **свет очей моих** *поэт.* нури чашмам; **беречь (хранить) как зеницу ока** мисли гавҳараки чашм нигоҳ доштан; **видит** ~, **да зуб неймёт** *погов.* ≈ дил кашолу даст кутоҳӣ мекунад; дил мехоҳаду дандон намегузарад

оковать *сов.* 1. *что* куфта часпондан, парчин кардан; ~ **сундук железом** ба сандуқ тунука парчин кардан; ~ **серебром** нуқракуб кардан 2. *кого уст.* (*заковать в кандалы*) ишкел (завлона) задан, занҷирбанд кардан 3. *кого-что перен. уст.* (*охватить*) банду баст кардан 4. *что перен.* (*затянуть льдом*) ях бастан

оковка *ж* 1. (*по знач. гл.* **оковать** 1) куфта часпондан(и), парчин кардан(и) 2. парчин, рӯйбаст

оковы *тк. мн. прям., перен.* завлона, ишкел, занҷир, кунда; ~ **рабства** занҷири асорат; **сбросить** ~ занҷири асорат пора кардан

оковывать *несов. см.* **оковать**

оковываться *несов. страд.* куфта часпонда шудан, парчин карда шудан

околачиваться *несов. прост.* сарсарӣ (бекор овора, сарсону саргардон) гаштан

околдовать *сов. кого-что* 1. ҷоду (афсун, тилисм, сеҳр) кардан 2. *перен.* мафтун кардан

околдовывать *несов. см.* **околдовать**

околдовываться *несов. страд.* ҷоду карда шудан

околевать *несов. см.* **околеть**

околёсина *ж прост. см.* **околёсица**

околёсиц||а *ж разг.* сафсата, ҳарза, ёва, жожхоӣ; **нести** ~**у** сафсата гуфтан, ҳарзагуӣ (жожхоӣ) кардан

околёсная *ж прост. см.* **околёсица**

околеть *сов.* (*о животных*) мурдан, ҳаром мурдан // *груб. прост.* (*о человеке*) по дароз кардан

околиц||а *ж* 1. *уст.* тавора, чиғ; **выйти за** ~**у** аз деҳа баромадан 2. канори деҳа; **жить на** ~**е** дар канори деҳа зиндагонӣ кардан 3. *обл.* роҳи давродавр

околичност||и *мн.* (*ед.* **околичность** *ж*) *уст.* музахрафот; **говорить без** ~**ей** шаф-шаф нагуфта шафтолу гую мон

около *предлог. род.* 1. *уст.* дар атрофи..., гирдогирди... 2. (*вблизи*) дар бари..., дар дами..., дар назди..., дар қарибии..., дар паҳлуи...; ~ **реки** дар назди дарьё 3. тахминан, тақрибан, қариб; **осталось** ~ **километра пути** тақрибан як километр роҳ монд; **было уже** ~ **полуночи** қариби нисфи шаб шуд ◇ **ходить вокруг (кругом) да** ~ шаф-шаф гуфта шафтолу нагуфтан; **кормиться (питаться)** ~ **кого-л.** резахури дастархони касе будан

около- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дар гирди (дар атрофи) чизе ҷойгир шудан»:* **околоушный** ...и пеши гуш; **околосердечный** ...и атрофи дил

околоземной, -ая, -ое *см.* **околоземный**

околоземн||ый, -ая, -ое наздизаминӣ, ...и атрофи Замин; ~**ое пространство** фазои назди Замин

окололунный, -ая, -ое наздиқамарӣ, ...и атрофи Қамар

околопланетный, -ая, -ое наздисайёравӣ, наздисайёра

околоплодник *м бот.* пардаи ғӯра

околоплодный, -ая, -ое *физиол., анат.* ...и пардаи ҷанин

околосердечн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и атрофи дил, ...и канори дил, ...и пардаи дил; ~**ая сумка** халтачаи канори дил

околоток *м* 1. *уст.* (*окрестность*) атроф, гирду пеш; гузар, маҳалла 2. *уст.* (*подразделение полицейского участка*) полисхонаи маҳалла 3. *уст. воен.* бемористони қисми ҳарбӣ 4. *ж.-д.* шуъбаи умури роҳи оҳан

околоточный, -ая, -ое 1. *уст.* ...и полисхонаи маҳалла; ~ **надзиратель** полиси маҳалла 2. *уст. воен.* ...и бемористони қисми ҳарбӣ 3. *в знач. сущ.* **околоточный** *м то же, что* ~ **надзиратель**

околоўши||ый, -ая, -ое *анат*. ...и буни гуш; ~**ая железа** ғадуди буни гуш

околоцве́тник *м бот*. косаи гул

околпа́чивать *несов. см.* **околпа́чить**

околпа́чить *сов. кого-что прост.* фиреб (фанд) додан, аҳмақ кардан

око́лыш *м* гардиши телпак, лабакӣ

око́лышек *м уменьш. к* **око́лыш**

око́льн||ый, -ая, -ое 1. гирдогирд, давродавр; ~**ая доро́га** роҳи давродавр 2. *перен*. ношоиста, ноҷоиз, бо ҳилаю найранг; **де́йствовать ~ыми путя́ми** бо роҳи (тариқи) ношоиста амал кардан; **узна́ть ~ым путём** бо ҳилаю найранг фаҳмидан 3. *уст*. ...и ҳамсоя, ...и гирду атроф

окольцева́ть *сов*. 1. *кого-что (птицу, рыбу)* ҳалқабандӣ кардан 2. *что (дерево)* ҳалқапечон кардан

окольцо́вывать *несов. см.* **окольцева́ть**

окольцо́вываться *несов. страд*. ҳалқабандӣ карда шудан

оконе́чность *ж* канор, охир, поён, интиҳо; **се́верная ~ о́строва** канори шимолии ҷазира

око́нница *ж уст. и обл*. тиреза

око́нн||ый, -ая, -ое ...и тиреза, тирезагӣ, ...и дарича; ~**ая ра́ма** чорчубаи тиреза

оконфу́зить *сов. кого прост*. шарм дорондан, изо додан

оконфу́зиться *сов. прост*. шарм доштан, изо кашидан

око́нце *с уменьш. к* **окно́** 1

оконча́ни||е *м* 1. анҷом, хотима, хатм, поён; ~**е рабо́ты** поёни кор; **по ~и университе́та** баъд аз хатми университет 2. хотима; ~ **по́вести** хотимаи повесть 3. *грам*. бандак

оконча́тельно *нареч*. қатъӣ, қатъиян, тамоман; **реши́ть** ~ қатъиян ҳал кардан

оконча́тельн||ый, -ая, -ое (окончателен, -льна, -льно) 1. охирин; комил, тамом, пурра, куллӣ; **в ~ом ви́де** ба шакли охирин; ~**ая побе́да** ғалабаи пурра 2. қатъӣ; ~**ое реше́ние** қарори қатъӣ

око́нчить *сов. что* тамом кардан, ба анҷом (ба охир, ба итмом) расондан, буд (хатм) кардан; ~ **рабо́ту** корро буд кардан; ~ **речь здра́вицей** нутқро бо таҳсину офарин тамом кардан; ~ **шко́лу** мактабро хатм кардан

око́нчиться *сов*. тамом шудан, ба анҷом (ба охир, ба итмом) расидан, анҷом (хотима) ёфтан, ба поён расидан, буд шудан

око́п *м* хандақ, шинак; **рыть ~ы** хандақҳо кофтан

окопа́ть *сов. что* 1. кофтан, гирдогирд кандан, атрофи чизеро каланд кардан; ~ **де́рево** атрофи дарахтро каланд кардан 2. дар гирди *чизе* хандақ кофтан; ~ **сте́ну рвом** қад-қади девор хандақ кофтан

окопа́ться *сов*. 1. *воен*. хандақ (шинак) кофта нишастан; аз тири душман паноҳ шудан 2. *перен. разг*. паноҳгоҳ ёфтан

око́пн||ый, -ая, -ое ...и хандақ, ...и шинак, хандақӣ; ~**ая война́** ҷанги хандақӣ

око́пчик *м уменьш. к* **око́п**

окора́чивать *несов. см.* **окороти́ть**

окора́чиваться *несов. страд*. кутоҳ (калта) карда шудан

окорени́ться *сов. сад*. реша гирифтан (давондан)

окори́ть *сов. что* пуст кандан *(дар бораи дарахт)*

око́рка *ж (по знач. гл.* **окори́ть**) пуст кандан(и)

око́рм *м (по знач. гл.* **окорми́ть**) аз ҳад зиёд хӯрондан(и)

окорми́ть *сов*. 1. *прост. см.* **обкорми́ть**; 2. *кого-что* мулуҳи заҳролуд додан

око́рмка *ж* 1. *(по знач. гл.* **окорми́ть**) 2) мулуҳи заҳролуд додан(и) 2. заҳр

окорна́ть *сов. кого-что прост*. кутоҳ тарошидан, кақ қайчӣ кардан

о́корок *м* рон, сон

окороко́в||ый, -ая, -ое ...и рон, ...и сон; ~**ая часть ту́ши** рон, сон

окороти́ть *сов. что разг*. кутоҳ (калта) кардан; ~ **рукава́** остинҳоро аз лозимааш кутоҳ кардан

о́короч||ый, -ая, -ое ...и рон, ...и сон; ~**ое мя́со** гушти сон (рон)

окоря́ть *несов. см.* **окори́ть**

окоря́ться *несов. страд*. пуст канда шудан

окосе́ть *сов. прост*. 1. олус шудан; якчашм(а) шудан 2. маст шудан

окоси́ть *сов. см.* **обкоси́ть** 1

окостеневать *несов. см.* **окостене́ть**

окостене́лость *ж* 1. устухон шуда мондан(и) 2. карахт (беҳис) шуда мондан(и), карахтӣ

окостене́л||ый, -ая, -ое 1. *(преврати́вшийся в кость)* устухонгардида 2. *(о трупе)* шахшуда *(дар бораи ҷасад)* 3. шахшудамонда, карахт, карахтшуда, беҳисшуда; ~**ые па́льцы** ангуштони карахт 4. *перен*. кӯҳнапараст(она), шахшудамонда; ~**ый ум** ақли шахшудамонда

окостене́ние *с (по знач. гл.* **окостене́ть**) шах шудан(и), шах шуда мондан(и); шахшавӣ, карахтӣ, беҳисси

окостене́||ть *сов*. 1. устухон шудан, устухон шуда мондан 2. *(о трупе)* шах шудан *(дар бораи майит)* 3. шах (карахт) шудан, беҳис шудан; **па́льцы ~ли от хо́лода** ангуштон аз хунукӣ карахт шуданд 4. *перен. (переста́ть развива́ться)* аз инкишоф (аз ҳаракат) мондан, шах шуда мондан

око́т *м (по знач. гл.* **окоти́ться**) тулгирӣ, зоиш, бачазоӣ; ~ **ове́ц** тулгирӣ

окоти́ться *сов*. [бача] зоидан *(дар бораи гурба, гусфанд, буз, харгӯш ва ғ.)*

окочене́лый, -ая, -ое 1. *(замёрзший)* сармохурда, карахтшуда 2. *(о трупе)* шахшуда *(дар бораи ҷасад)*

окочене́||ть *сов*. 1. сармо хурдан, карахт шудан; **па́льцы ~ли от хо́лода** аз хунукӣ ангуштон карахт шуданд 2. *(о трупе)* шах шудан *(дар бораи ҷасад)*

окочу́риться *сов. прост*. пой (поча) дароз кардан, мурдан

око́шечко *с уменьш.-ласк. к* **око́** 1

око́шк||о *с уменьш. к* **окно́** 1 ◇ **то́лько и све́та в ~е** *у кого* ягона тасаллои дил, нури чашм

окра́ин||а *ж* 1. канор, охир; ~**а ле́са** канори беша 2. маҳалли дурдаст, гушаю канор; **жить на ~е го́рода** дар маҳалли дурдасти шаҳр зиндагонӣ кардан

окра́инн||ый, -ая, -ое ...и канор, канорӣ, ...и гушаю канор; ~**ая часть го́рода** канори шаҳр; ~**ые у́лицы** кучаҳои канорӣ

окра́с *м см.* **окра́ска** 2

окра́сить *сов. что* 1. ранг кардан (додан, молидан); ~ **в жёлтый цвет** ранги зард молидан 2. *перен*. ранги махсус додан, тобиши нав додан

окра́си||ться *сов*. ранг гирифтан, рангдор (рангин) шудан; **горизо́нт ~лся в си́ний цвет** уфуқ ранги кабуд гирифт

окра́ск||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **окра́сить** 1) рангкунӣ, рангдиҳӣ, рангмолӣ; ~**а воло́с** ранг додани мӯй 2. ранг, намуд, ҷило, тобиш; **пёстрая ~а** ранги ало 3. *перен*. обуранг, маънои (тобиши) нав; **в его́ расска́зе собы́тия приобрели́ но́вую ~у** ҳодисаҳо дар ҳикояи у обуранги нав пайдо карданд ◇ **защи́тная (покрови́тельственная) ~а** *биол*. ранги ҳифзо (ҳимоят)

окра́сочный, -ая, -ое ...и рангрезӣ, ...и рангмолӣ

окра́шивание *с см.* **окра́ска** 1

окра́шивать *несов. см.* **окра́сить**

окра́шиваться *несов*. 1. *см.* **окра́ситься**; 2. *страд*. ранг карда шудан

окре́пнуть *сов*. 1. қувват гирифтан, бақувват (маҳкам, мустаҳкам сахт) шудан; **лёд ещё не окре́п** ях ҳанӯз сахт нашудааст 2. *(стать более здоровым)* бақувват (тандуруст) шудан 3. қувват гирифтан, шиддат ёфтан; **ве́тер окре́п** шамол қувват гирифт (шиддат ёфт); ~ **в борьбе́** дар мубориза обутоб ёфтан // мустаҳкам шудан, камол ёфтан, зӯр шудан; **его́ тала́нт окре́п** истеъдоди у камол ёфт

окре́ст 1. *нареч. книжн*. гирд, гирдогирд, перомун; ~ **одни́ луга́** атроф ҳама алафзор 2. *предлог. с род. уст*. дар атрофи..., дар наздикии...

окрести́ть *сов. кого-что* 1. *рел*. ғусли таъмид додан 2. *кем-чем разг*. ном гузоштан (ниҳодан), номидан, лақаб мондан (додан)

окрести́ться *сов. рел*. ғусли таъмид карда шудан, ба дини насоро имон овардан

окре́стност||ь *ж* атроф, давру пеш, гирду атроф; **в ~ях го́рода** дар атрофи шаҳр

окре́стн||ый, -ая, -ое ...и атроф, ...и давру пеш, ...и гирду атроф; ~**ые колхо́зы** колхозҳои гирду атроф; ~**ые крестья́не** деҳқонони маскуни атроф

окриве́||ть *сов. прост*. якчашм(а) шудан, аз як чашм мондан; **он ~л на ле́вый глаз** чашми чапаш кур шудааст

о́крик *м* 1. *см.* **о́клик**; 2. пуписа, дуғ, итоб; **гру́бые ~и** дуғу пӯписа

окрикивать *несов. см.* **окрикнуть**
окрикнуть *сов. кого* чеғ задан, овоз додан, садо кардан
окровавить *сов. кого-что* хунолуд (хуншор) кардан, ба хун оғуштан
окровавиться *сов. разг.* хунолуд (хуншор) шудан
окровавленный, -ая, -ое 1. *прич.* хунолуд кардашуда 2. *прил.* хунолуд, хуншор
окровавливать *несов. см.* **окровавить**
окровавливаться *несов.* 1. *см.* **окровавиться;** 2. *страд.* хунолуд карда шудан
окровенеть *сов. прост.* хунолуд (хуншор) шудан
окровенить *сов. что прост.* хунолуд (хуншор) кардан
окрол *м* зоидани харгуш (заргуш)
окромсать *сов.* **обкромсать**
окромя *предлог обл. см.* **кроме**
окропи||ть *сов. кого-что* пошидан, чошидан, нам кардан; **дождик ~л землю** борон заминро нам кард
окропиться *сов. уст. поэт.* пошида (чошида) шудан, нам шудан
окроплять *несов. см.* **окропить**
окропляться *несов.* 1. *см.* **окропиться;** 2. *страд.* пошида шудан
окрошка *ж* 1. окрошка, обдуғ 2. *перен. разг.* дулобӣ
округ *м* округ; **военный округ** округи ҳарбии; **избирательный ~** округи интихобот
округ *уст. и прост.* 1. *нареч.* гирду пеш, гирду атроф 2. *предлог с род.* бар гирди..., гирдогирди...
округа *ж разг.* атроф, гирду атроф
округление *с (по знач. гл.* **округлить)** доирашакл кардан(и); яклухт кардан(и); *(по знач. гл.* **округлиться)** доирашакл шудан(и); **~ суммы** яклухт кардани маблағ
округлённость *ж* гирд (лунда) будан(и), мудаввари; **~ форм** мудаввари шакл
округлённый, -ая, -ое 1. *прич.* гирд (лунда) кардашуда 2. *прил.* гирд, лунда, мудаввар 3. *прил. перен.* пурра, мукаммал; яклухт
округлеть *сов. прост.* доирашакл (гирд, лунда, мудаввар) шудан // *(пополнеть)* фарбеҳ шудан, шикам мондан
округлить *сов. что* 1. доирашакл (гирд, лунда, мудаввар) кардан 2. *перен. разг.* пурра (мукаммал) кардан; равон (суфта) кардан 3. яклухт кардан; **~ число** ададро яклухт кардан 4. *перен. разг.* зиёд кардан
округлиться *сов.* 1. доирашакл (гирд, лунда, мудаввар) шудан // *(пополнеть)* фарбеҳ шудан, шикам мондан 2. *перен. разг.* пурра (мукаммал) шудан; равон (суфта) шудан 3. *перен. разг.* зиёд шудан
округлость *ж* 1. *(очертаний)* лундагӣ, мудавварӣ: *(движений и т. п.)* мавзунӣ, ботамкинӣ 2. *перен. разг. (законченность)* пурра (мукаммал) будан(и); равон (суфта) будан(и)
округлый, -ая, -ое 1. доирашакл, гирд, лунда, мудаввар; *(о движениях и т. п.)* мавзун, ботамкин 2. *перен. разг.* пурра, мукаммал; равон, суфта
округлять *несов. см.* **округлить**
округляться *несов.* 1. *см.* **округлиться;** 2. *страд.* яклухт карда шудан
окружа||ть *несов.* 1. *см.* **окружить;** 2. *кого-что* воқеъ будан, ҷойгир шудан; **город ~ли сады** атрофи шаҳр боғот буд 3. дар маҳфили (дар маъракаи, дар доираи) *касе* будан; **его ~ли друзья** дар атрофи у ёру дустон буданд 4. *перен.* фаро гирифтан; **его ~ла тайна** уро сирру асрор фаро гирифта буд
окружаться *несов. страд.* миёнагир (муҳосира) карда шудан
окружающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* иҳотакунанда; фарогиранда 2. *прил.* дар атроф (дар гирду пеш) буда, ...и атроф, ...и давру пеш; **~ие предметы** ашьёи атроф; **~ая среда** муҳит 3. *в знач. сущ.* **окружающее** *с* муҳит 4. *в знач. сущ.* **окружающие** *мн.* атрофиён; **~не осудили его поступок** атрофиёнаш рафтори ӯро маҳкум карданд
окружени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **окружить)** миёнагир (муҳосира, иҳота) кардан(и) 2. *(обстановка, условия)* муҳит, вазъият, шароит; *(среда)* муҳит 3. *воен.* муҳосира, иҳота; **выйти из ~я** аз муҳосира баромадан; **попасть в ~е** ба муҳосира афтодан ◇ **в ~и** *кого-чего* дар байни...; **в ~и друзей** дар байни дустон
окружи||ть *сов. кого-что* 1. миёнагир (муҳосира, иҳота) кардан; **слушатели ~ли лектора** шунавандагон лекторро миёнагир карданд 2. *чем* бар гирди иншоот *чизе* сохтан; **~ть крепость рвом** гирди ҳисорро хандақ кандан 3. *воен.* муҳосира (иҳота) кардан; **~ть вражескую дивизию** дивизияи душманро муҳосира кардан 4. *кем перен.* дар атрофи *касе* ҷамъ овардан (кардан) 5. *чем* фаро гирифтан; **~ть заботой** бо ғамхорӣ фаро гирифтан
окружн||ой, -ая, -ое 1. ...и округ; **~ой центр** маркази округ; **~ая избирательная комиссия** комиссияи интихоботии округ 2. давродавр, гирдогирд, ...и доира, мудаввар; **~ая железная дорога** роҳи оҳани гирдогирд
окружность *ж* 1. *мат.* доира давра; **вписать треугольник в ~** андаруни давра секунҷа кашидан 2. *уст.* атроф, гирду атроф
окружн||ый, -ая, -ое *уст.* 1. дар атроф буда, дар гирду атроф буда, ...и гирду атроф 2. *прост.* гирдогирд, давродавр; **ехать ~ым путём** бо роҳи давродавр рафтан
окрутить *сов.* 1. *кого-что чем разг.* печондан, печонда бастан, бастан 2. *кого прост.* никоҳ кардан; зуран хонадор кардан
окрутиться *сов.* 1. *разг.* ба худ печондан, ба худ печонда бастан 2. *прост.* никоҳ карда шудан
окручивать *несов. см.* **окрутить**
окручиваться *несов.* 1. *см.* **окрутиться;** 2. *страд.* печонда шудан
окрылённый, -ая, ое 1. *прич.* руҳбаланд (зиндадил) кардашуда 2. *прил. бот., зоол.* қанотдор, болдор 3. *прил.* руҳбаланд, зиндадил
окрылить *сов. кого-что* руҳбаланд (зиндадил) кардан
окрылиться *сов.* 1. *бот., зоол.* болу пар баровардан, болу пардор шудан 2. *перен.* руҳбаланд (зиндадил) шудан
окрылять(ся) *несов. см.* **окрылить(ся)**
окрыситься *сов. прост.* 1. *(о животных)* дарғазаб (хашмгин) шудан, бадқаҳрона ғур-ғур кардан 2. *на кого (о человеке)* бо оташинӣ ҷавоб гардондан, ғазаболуд гап задан
оксидация *ж см.* **оксидирование**
оксидирование *с (по знач. гл.* **оксидировать)** оксидонӣ *(оксидонидани сатҳи металл барои занг набастан ва хушнамо шудани он)*
оксидировать *сов., несов. что тех.* оксидонидан
оксидироваться *несов. страд.* оксидонида шудан
оксидировка *ж см.* **оксидирование**
октава *ж* 1. *муз.* октава *(пардаи ҳаштуми гамма; фосилаи байни пардаи якум ва хаштум)* 2. *муз.* бам *(ғафстарин овози мардона)* 3. *лит.* мусамман *(шакли шеърии иборат аз ҳашт мисраъ дар адабиёти рус ва Европа; бар хилофи мусаммани тоҷикӣ, ки дар он мисраъҳои якуму сеюму панҷум, дуюму чоруму шашум ва ҳафтуму ҳаштум ҳамқофия мешаванд)*
октаэдр *м мат.* октаэдр, хаштруя
октет *м муз.* октет *(1. асари мусиқие, ки бо ҳашт асбоб навохта ё бо ҳашт овоз суруда мешавад 2. ансамбли ҳашткасаи сароянда ё навозандагон)*
октябрист *м полит.* октябрист *(аъзо с тарафдори партияи контрреволюционии буржуазияи калон ва помещикҳо ки он партия дар Россия баъд аз нашр шудани манифести 17 октябри соли 1905 ташкил ёфта буд)*
октябристск||ий, -ая, -ое *полит.* октябристӣ,...и октябристҳо; **~ая фракция** фракцияи октябристҳо
октябрь *м* 1. октябрь, моҳи октябрь 2. *(О прописное)* Октябрь; **годовщина Октября** иди Октябрь
октябрьский, -ая -ое 1. ...и октябрь, октябри 2. *(О прописное)* ...и Октябрь; **Великая Октябрьская социалистическая революция** Революцияи Кабири Социалистии Октябрь
окукливаться *несов. см.* **окуклиться**
окуклиться *сов. зоол.* зоча (лухтак) шудан *(оид ба ҳашарот)*
окулирование *с (по знач. гл.* **окулировать)** муғҷапайванд кардан(и)
окулировать *сов., несов. что сад.* муғҷапайванд кардан
окулироваться *несов. страд.* муғҷапайванд карда шудан
окулировка *ж см.* **окулирование**
окулист *м* окулист, духтури чашм
окультивировать *сов. см.* **окультурить**
окультуривание *с (по знач. гл.* **окультурить)** корам кардан(и); *(по знач.*

гл. **окультуриваться)** корам шудан(и)

окульту́ривать *несов. см.* **окульту́рить**

окульту́риваться *несов. страд.* корам шудан

окульту́рить *сов.* 1. *что* корам кардан; ~ **по́чву** заминро корам кардан 2. *кого (животное)* ром кардан // *что (растение)* боғӣ кардан; ~ **ди́кий виногра́д** токи ёбоиро боғӣ кардан 3. *кого разг.* маданӣ гардондан, бо тамаддун ошно кардан

окуля́р *м* окуляр *(қисми асбобҳои оптики)*

окуна́ть *несов. см.* **окуну́ть**

окуна́ться *несов.* 1. *см.* **окуну́ться;** 2. *страд.* ғутонда шудан

о́кунев||ый, -ая, -ое 1. ...и аломоҳӣ, аломоҳигӣ; ~**ое филе́** гушти лаҳми аломоҳӣ 2. *в знач. сущ.* **о́куневые** *мн. зоол.* аломоҳиҳо

окуну́ть *сов. кого-что* ғутондан, ғута заиондан

окуну́||ться *сов.* 1. ғутидан, ғута задан, ғутавар шудан 2. *перен.* саргарми (машғули) коре шудан; **он целико́м (с голово́й)** ~**лся в но́вую рабо́ту** у тамоман ба кори нав саргарм шуд

о́кунь *м* аломоҳӣ *(ҷинси моҳии серустухони обҳои ширин, ки ранги сабзтоби зард ва раҳҳои сиёҳу болҳои сурхтоб дорад ва аз ин ру ало менамояд)*

окупа́емость *ж* талофият, талофи, хароҷотбарорӣ, муҳлати баровардани харҷ

окупа́ть(ся) *несов. см.* **окупи́ть(ся)**

окупи́ть *сов. что* қусур гирифтан, тани харидро баровардан; ~ **расхо́ды на семена́** хароҷоти тухмиро баровардан // *перен. разг.* кафорат (мукофот, подош, фидья) додан

окупи́ться *сов.* талофи шудан, баромадан *(оид ба хароҷот)* // *перен. разг.* натиҷаи хуб овардан (додан)

оку́ривание *с (по знач. гл.* **окури́ть)** тамиз кардан(и)

оку́ривать *несов. см.* **окури́ть**

оку́риваться *несов. страд.* тамиз карда шудан

окури́ть *сов. кого-что* тамиз кардан; ~ **фрукто́вые дере́вья** дарахтҳои меваро тамиз кардан

оку́рок *м* пасмондаи папирос, папироси нимкаш

оку́та||ть *сов. кого-что* 1. печондан 2. *перен.* печондан, печонда гирифтан, пӯшондан, фаро гирифтан; **тума́н** ~**л го́ры** туман кӯҳҳоро фаро гирифт

оку́та||ться *сов.* 1. печидан, худро печондан; ~**ться ша́лью** ба руймоли шол печидан 2. *перен.* печонда (пушида) шудан, фаро гирифта шудан; **посёлок** ~**лся ды́мом** деҳачаро дуд фаро гирифтааст

оку́тывать *несов. см.* **оку́тать**

оку́тываться *несов.* 1. *см.* **оку́таться;** 2. *страд.* печонда шудан

оку́чивание *с (по знач. гл.* **оку́чить)** каланд (побел) кардан(и); ~ **хлопча́тника** каланд кардани пахта

оку́чивать *несов. см.* **оку́чить**

оку́чиваться *несов. страд.* каланд карда шудан

оку́чить *сов. что* каланд (побел) кардан; ~ **карто́фель** картошкаро каланд кардан

оку́чка *ж разг. см.* **оку́чивание**

оку́чник *м с.-х.* каланд

ола́душек, ола́дышек *м уменьш.-ласк. к* **оладья**

ола́дья *ж* қуймоқ, чалпак

олеандр *м бот.* бедгул

олеа́ндровый, -ая, -ое ...и бедгул, бедгулӣ; ~ **лист** барги бедгул

оледене́лый, -ая, -ое 1. *см.* **обледене́лый;** 2. шахшуда, карахтшуда

оледене́ние *с (по знач. гл.* **оледене́ть)** яхбандӣ; шахшавӣ, карахтшавӣ

оледене́ть *сов.* 1. ях бастан, ях кардан 2. шах (карахт) шудан

оледени́ть *сов. см.* **обледени́ть**

олеи́н *м* кислотаи олеинат *(як навъ кислотаи техники)*

олеи́нов||ый, -ая, -ое: ~**ая кислота́** *см.* **олеи́н**

оленебы́к *м* говгавазн *(оҳуи шохпечи африкоӣ)*

оленево́д *м* гавазнпарвар

оленево́дство *с* гавазнпарварӣ

оленево́дческий, -ая, -ое ...и гавазнпарварӣ; ~ **совхо́з** совхози гавазнпарварӣ

оле́невые *мн. зоол.* гавазнҳо

оленёнок *м (мн.* **оленя́та)** гавазнбарра, гавазнбачча

оле́н||ий, -ья, -ье ...и гавазн, гавазнӣ; *(из шкуры оленя)* ...и чарми гавазн, ...и пусти гавазн; ~**ьи рога́** шохи гавазн; ~**ьи сапоги́** музаи чарми гавазн ◇ ~**ий мох** *бот.* ушнаи гавазн

оле́нина *ж* гушти гавазн

оле́нь *м* гавазн; **се́верный** ~ гавазни шимолӣ

олеографи́ческий, -ая, -ое *уст.* олеографӣ

олеогра́фия *ж уст.* олеография (1. *тарзи нусхабардорӣ аз расмҳое, ки бо рангҳои равғанин кашида шудаанд* 2. *нусхае, ки бо ин тарз бардошта шудааст)*

оли́ва *ж (дерево и плод)* зайтун

оливи́н *м* оливин *(минерали зарди кабудтоб, ки ба таркиби моддаҳои вулканӣ медарояд)*

оли́вка *ж см.* **оли́ва**

оли́вков||ый, -ая, -ое 1. ...и зайтун, зайтунӣ; ~**ая ро́ща** зайтунзор; ~**ое ма́сло** равгани зайтун 2. *(жёлто-зелёный)* зайтунӣ ◇~**ая ветвь** шохаи зайтун *(шохаи дарахти зайтун, ки рамзи сулҳ аст)*

олига́рх *м* 1. *ист.* олигарх, ҳукмрон, ҳукмрони мутлақ 2. олигарх *(намояндаи капитали калони монополистӣ)*

олигархи́ческий, -ая, -ое олигархӣ; ~ **строй** сохти олигархӣ

олига́рхия *ж* олигархия (1. *ист. давлате, ки ба ҳукмронии ашроф асос ёфта буд* 2. *ҳукмронии як гурӯҳ намояндагони капитали калони монополистӣ ва худи он гурӯҳ)*

оли́мп *м* 1. *(О прописное) миф.* Олимп *(маскани худоён)* 2. *шутл. и ирон.* аркон; **литерату́рный** ~ аркони адабиёт

олимпиа́да *ж* олимпиада (1. *ист. дар Юнони Қадим фосилаи чаҳорсола, ки аз як иди бозиҳои олимпӣ то иди дигар мегузашт* 2. *спорт. бозиҳои байналхалқии спортӣ, ки дар ҳар чаҳор сол як бор гузаронда мешавад* 3. *аз назаргузаронӣ)*

олимпи́ец *м* 1. *миф.* аҳли Олимп 2. *перен.* одами ботамкин (бовиқор, босалобат) 3. *спорт.* иштирокчии олимпиада

олимпи́йск||ий, -ая, -ое 1. *миф.* олимпӣ, ...и Олимп; ~**ие бо́ги** худоёни Олимп 2. *спорт.* олимпӣ; ~**ая дере́вня** қароргоҳи олимпӣ; ◇ **Олимпи́йские и́гры** Бозиҳои олимпӣ; ~**ое споко́йствие** тамкин, салобат, савлат

оли́фа *ж* алиф, равғани алиф

олицетворе́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **олицетвори́ть)** таҷассум кардан(и) 2. тимсол, таҷассум; **он** ~ **доброты́** у тимсоли некӣ аст 3. *лит.* ташхис

олицетворённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* таҷассумшуда 2. *прил.* намоён, барҷаста, комил, ба ғоят; ~**ая кро́тость** ғояти фурутанӣ

олицетвори́ть *сов.* 1. *что* таҷассум кардан 2. *кого-что (воплотить)* муҷассам кардан

олицетворя́ть *несов.* 1. *см.* **олицетвори́ть;** 2. *что* таҷассум кунондан; ~ **наро́дную си́лу** қувваи халқро таҷассум кунондан

олицетворя́ться *несов. страд.* таҷассум кунонда шудан

о́лово *с* қалъагӣ, қалъ, арзиз

оловя́нный, -ая, -ое 1. ...и қалъагӣ, қалъагидор; ~ **сплав** хулаи қалъагӣ 2. *перен. (о глазах, взгляде)* хира, тира, бенур, берух

о́лух *м прост.* каллаварам, гул, содда ◇~ **царя́ небе́сного** гули худо

ольха́ *ж бот.* роздор

ольхо́вник *м см.* **ольша́ник**

ольхо́в||ый, -ая, -ое *бот.* ...и роздор; ~**ая кора́** пустлоқи роздор

ольша́ник *м* дарахтзори (бешаи) роздор, роздористон

ом *м физ.* ом

ома́р *м* харчанги баҳрӣ

ома́чивать *несов. см.* **омочи́ть**

оме́г||а *ж* омега *(номи ҳарфи охирини алифбои юнонӣ)* ◇ **а́льфа и** ~**а** 1) аввалу охир, оғозу анҷом, ибтидою интиҳо 2) асос, мазмун, моҳият; **от а́льфы до** ~**и** аз аввал то охир, аз сар то по, аз оғоз то анҷом

омерзе́ние *с* нафрат, кароҳат, танаффур; **внуша́ть** ~ нафрат овардан

омерзе́ть *сов. разг.* боиси нафрат шудан, кареҳ (манфур) шудан

омерзи́тельно *нареч.* нафратоварона, кареҳона

омерзи́тельность *ж* нафратоварӣ, кароҳатнокӣ

омерзи́тельный, -ая, -ое (омерзи́те|лен, -льна, -льно) нафратангез, кароҳатангез, манфур, макрух; ~ **посту́пок** рафтори нафратангез

омертвéлость *ж* мурда будан(и), беҳиссӣ; берӯҳӣ, бечонӣ

омертвéл||ый, -ая, -ое 1. мурда, беҳис, шах, карахт; **~ые ткáни** бофтаҳои мурда 2. *перен.* беҳаракат, берӯҳ, бечон 3. *перен.* холӣ, бекас, хилват, хароб, хомуш

омертвéние *с (по знач. гл.* **омертвéть** 1) мурдан(и), беҳисшавӣ, шахшавӣ, карахтшавӣ; **~ ткани** мурдани бофтаҳо

омертвé||ть *сов.* 1. мурдан, беҳис шудан, шах (карахт) шуда мондан, аз кор (аз ҳаракат) мондан; **пáльцы ~ли** ангуштон карахт шуданд 2. *перен.* шах (карахт) шуда мондан, мот (мабҳут) шудан; **~ть от ýжаса** аз тарс шах шуда мондан 3. *перен.* холӣ (хилват, хароб) шудан; **лес ~л** ҷангал хилват шудааст

омертвить *сов. что* 1. беҳис (шах, карахт, беҳаракат) кардан 2. *перен.* хароб кардан; **~ дéло** корро хароб кардан 3. *перен.* беҳаракат (беистифода) гузоштан, ба кор набурдан; хобондан

омертвлéние *с (по знач. гл.* **омертвить)** беҳис (шах, карахт) кардан(и)

омертвлять *несов. см.* **омертвить**

омертвляться *несов. страд.* беҳис карда шудан

омёт *м* ғарам, чош, каҳтуда

омещáниваться *несов. см.* **омещáниться**

омещáниться *сов. разг.* мещан шудан

омическ||ий, -ая, -ое *физ.* ...и ом, омӣ; **~ое сопротивлéние проводникá** муқовимати омии ноқил

омлéт *м* омлет, тухмбирьён

омметр *м* омметр *(асбоби ченкунандаи муқовимати ҷараёни электрикӣ)*

óмнибус *м уст.* омнибус *(фойтуни калон)*

омовéние *с рел.* таҳорат, ғусл, вузуъ; **совершить ~** таҳорат кардан

омолаживание *с (по знач. гл.* **омолодить)** ҷавонтар кардан(и); каллак кардан(и); хомток кардан(и)

омолаживать *несов. см.* **омолодить**

омолаживаться *несов.* 1. *см.* **омолодиться**; 2. *страд.* ҷавонтар карда шудан

омолоди||ть *сов.* 1. *кого-что* ҷавонтар кардан; **улыбка ~ла его лицо** аз табассум чеҳраш шукуфт 2. *биол.* ҷавонтар кардан; **~ть организм** организмро ҷавонтар кардан 3. *сад.* каллак кардан; хомток кардан; **~ть виногрáдные кусты** хомток кардан

омолодиться *сов.* 1. *разг.* ҷавонтар шудан 2. *биол.* ҷавонтар шудан

омоложéние *с биол.* ҷавонтар кардан(и)

омóним *м лингв.* омоним

омоними̇ка *ж* омонимика (1. *лингв. маҷмуи омонимҳои ягон забон* 2. *қисми лексикология, ки омонимҳоро тадқиқ мекунад)*

омонимический, -ая, -ое *лингв.* омонимӣ, ...и омоним

омонимия *ж лингв.* омонимия

омочи́ть *сов. кого-что книжн.* тар (шилта) кардан; **~ слезáми** бо оби дида тар кардан, ашк рехтан

омочи́ться *сов. книжн.* тар (шилта) шудан

омрачать *несов. см.* **омрачи́ть**

омрачаться *несов.* 1. *см.* **омрачиться**; 2. *страд.* ғамгин карда шудан

омрачённый, -ая, -ое 1. *прич.* ғамгин кардашуда 2. *прил. уст. (покрытый мраком)* торик, хира, тира // *перен. (о сознании, рассудке)* хира, тира, кунд 3. *прил.* ғамгин, андуҳгин

омрачи́||ть *сов.* 1. *что уст.* торик (хира, тира) кардан; **тýчи ~ли нéбо** абрҳо осмонро тира карданд // *перен. (сознание, рассудок)* хира (тира, кунд) кардан 2. *кого-что* ғамгин (андуҳгин) кардан

омрачи||ться *сов.* 1. *уст.* торик (хира, тира) шудан // *перен. (о сознании, рассудке)* хира (тира, кунд) шудан 2. ғамгин (андуҳгин) шудан; **его лицó ~лось** чеҳраи у андуҳгин гашт

омулёв||ый, -ая, -ое ...и озодмоҳӣ; **~ая икрá** тухми озодмоҳӣ

óмуль *м зоол.* озодмоҳӣ

óмут *м* 1. *(яма на дне)* гуми дарьё, ҷои чуқури об 2. *(водоворот)* гирдоб // *перен.* доми бало, қайд, банд, гирдоб; **в ~е событий** дар гирдоби ҳодисаҳо ◇ **в ти́хом ~е чéрти вóдятся** валвалакон лаб-лаби бом, фис-фисакон кора тамом: каждуми таҳи бурьё

омшáник *м пчел.* кавораҷо, каворахона *(хонаи махсуси гарм, ки дар фасли зимистон дар он кавора — қуттиҳои занбури асалро нигоҳ медоранд)*

омывá||ть *несов.* 1. *см.* **омы́ть**; 2. *что* мавҷ задан, ҷорӣ шудан, бархурдан; **вóлны ~ли бéрег** мавҷҳо ба соҳил бармеҳурданд // *(о морях, течениях)* фаро гирифтан, иҳота кардан

омывáться *несов.* 1. *см.* **омыться**; 2. *страд.* шуста шудан

омылéние *с хим.* кафккунонӣ

омы́ть *сов. книжн. см.* **обмы́ть** 1

омы́ться *сов. книжн. см.* **обмы́ться**

он (егó, емý, егó, им, о нём) *мест. личн. м* у, вай, он; **о не приéхал** у наомад; **егó нет дóма** вай дар хона нест; **скажи́ емý** ба у бигӯй; **я егó ви́дел** ман уро дидам; **я им довóлен** ман аз вай розӣ; **я с ним соглáсен** бо у ҳамфикрам, ба фикри у розиам; **я о нём ничегó не слы́шал** ман аз вай ҳеҷ хабар надорам ◇ **вот я егó!** ман вайро боб мекунам! **кто егó знáет!** кӣ медонад; **пускáй (пусть) егó** майлаш, бигузор; **пускáй егó сéрдится** бигузор каҳраш омадан гирад

онá (её, ей, её ею *и* ей, о ней) *мест. личн. ж* у, вай, он; **её нет дóма** вай дар хона нест; **скажи́ ей** ба ӯ бигӯй; **я её знáю** ман уро мешиносам; **я éю довóлен** ман аз вай розӣ; **расскажи́ о ней** дар бораи вай нақл кун

онáгр *м зоол.* гурхар

онани́зм *м* истимно, кафакӣ

ондáтра *ж зоол.* мушобӣ; *(мех)* пусти мушобӣ

ондáтровый -ая, -ое ...и сагобӣ; *(из меха ондатры)* ...и пусти сагобӣ; **~ая шýба** пустини пусти сагобӣ

онемéлость *ж* карахтӣ, шахшавӣ, беҳиссӣ

онемéлый, -ая, -ое 1. *уст.* лол, гунг, безабон 2. *разг.* карахт, шахшуда, беҳис, аз кор (аз ҳаракат) монда

онемéние *с (по знач. гл.* **онемéть)** лолшавӣ; гунгшавӣ; карахтшавӣ, шахшавӣ, беҳисшавӣ

онемé||ть *сов.* 1. лол (гунг, безабон) шудан; **~ть от удивлéния** аз ҳайрат моту мабҳут шудан 2. карахт (шах, беҳис) шудан; **у меня́ нóги ~ли** пойҳоям хоб рафтанд

онемéчение *с (по знач. гл.* **онемéчить)** немис гардондан(и); *(по знач. гл.* **онемéчиться)** немисшавӣ

онемéчивать *несов. см.* **онемéчить**

онемéчиваться *несов.* 1. *см.* **онемéчиться**; 2. *страд.* немис гардонда шудан

онемéчить *сов. кого-что* немис гардондан (кардан)

онемéчиться *сов.* немис шудан

они́ (их, им, их, и́ми, о них) *мест. личн. мн.* 1. онҳо, вайҳо, онон, эшон; **их нет дóма** онҳо дар хона нестанд; **скажи́ им** ба онҳо бигӯй; **вмéсто них** ба ои онҳо; **мы и́ми довóльны** мо аз онҳо розӣ; **я ничегó не слы́шал о них** ман аз онҳо хабаре надорам 2. *уст. и прост. (употр. вместо «он», «она»)* эшон, ҷанобашон

óникс *м мин.* санги сулаймонӣ *(ақиқи рах-рах)*

óниксовый, -ая, -ое ...и санги сулаймонӣ

онкóлог *м* онколог

онкологи́ческий -ая, -ое онкологӣ; **~ие заболевáния** касалиҳои онкологӣ; **~ая слýжба** умури онкологӣ

онколóгия *ж* онкология *(соҳаи илми тиб, ки омосҳо ва тарзи табобати онҳоро меомузад)*

онó (егó, емý, егó, им, о нём) *мест. личн. с* 1. *см.* **он**; 2. *разг. (это)* ин, ҳамин; **так ~ и вы́шло** ҳамин тавр ҳам шуд 3. *в знач. усил. частицы с вводн. сл. разг.:* **~, конéчно, прáвильно сказано** ин, албатта, гапи дуруст ◇ **вот (вон) ~ чтó!** **вóт (вóн) ~ кáк** ҳамту-мӣ?, ҳамту гуй!; **[вот] тó-то и ~!** *прост.* ана, гап дар куҷост!

ономáстика *ж* ономастика (1. *маҷмуи номҳои хоси забон* 2. *соҳаи забоншиносӣ, ки номҳои хосро меомузад)*

ономатологи́ческий, -ая, -ое ...и ономатология

ономатолóгия *ж* ономатология; *см.* **ономáстика** 2

онтогенéз *м биол.* онтогенез *(инкишофи организми ҳар як ҳайвон ё растанӣ аз рӯзи ба вуҷуд омадан то мурдан)*

онтогенети́ческ||ий, -ая, -ое *биол.* онтогенетикӣ, онтогенезӣ, мансуб ба онтогенез; **~ое исслéдование** тадқиқоти онтогенезӣ

онýча *ж* пайтоба

óный, -ая, -ое *мест. указ. уст. книжн.* 1. *(тот, тот самый)* он, ҳамон, худи ҳамон 2. *(вышеупомянутый)* мазбур,

мазкур ◇ **во вре́мя о́но, во време́на о́ны** *уст.* ким-кай, як замоне

ООН (Организация Объединённых Наций) Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид

опада́ть *несов. см.* **опа́сть**

опаде́ние *с* (*по знач. гл.* **опа́сть**) резиш

опа́здывание *с* (*по знач. гл.* **опозда́ть**) дер мондан(и), дер омадан(и)

опа́здывать *несов. см.* **опозда́ть**

опа́ивать *несов. см.* **опои́ть**

опа́к *м* 1. сафедгил 2. *собир.* зарфи сафедгил

опа́ков||ый, -ая, -ое ...и сафедгил; **~ая посу́да** зарфи сафедгил

опа́л *м мин.* айнушшамс (*санги шишамонанди шаффоф, ки баъзе навъҳояш қиматбаҳост*)

опа́л||а *ж* номеҳрубонӣ, қаҳру ғазаб; **попа́сть в ~у к кому́-л.** ба қаҳру ғазаби касе гирифтор шудан

опа́ливание *с* (*по знач. гл.* **опали́ть** 2) парт кардан(и)

опа́ливать *несов. см.* **опали́ть** 2

опа́ливаться *несов. страд.* парт карда шудан

опали́||ть *сов. кого-что* 1. сӯзондан, парт (парсӯз) кардан; **~ть бро́ви** абрувонро сӯзондан 2. бо таъсири шамол (офтоб) дурушт (шахшул) кардан; **лицо́ ~ло ве́тром** *безл.* руй аз шамол дурушт шуд 3. парт кардан; **~ть ку́рицу** мурғро парт кардан

опали́ться *сов. разг.* худро сӯзондан, сухтан, парт шудан

опа́лов||ый, -ая, -ое 1. ...и айнушшамс, айнушшамсӣ; **~ый ка́мень** санги айнушшамс; **~ые се́рьги** гушвораи айнушшамсӣ 2. (*о цвете*) ...и ранги айнушшамс (*сафедтоби зард ё сабз*)

опа́лубить *сов. что тех.* тахтабандӣ кардан

опа́лубка *ж* 1. (*по знач. гл.* **опа́лубить**) тахтабандӣ 2. *тех.* қолиби бетон (бетонрезӣ) 3. *тех.* руйбаст, руйкаш

опа́лывать *несов. см.* **ополо́ть**

опа́лываться *несов. страд.* хишова карда шудан

опа́лый, -ая, -ое 1. *уст.* (*осыпавшийся с дерева*) рехта, афтода 2. *прост.* (*ввалившийся*) чукида, коҳида

опа́льный, -ая, -ое маъзул

опаля́ть *несов. см.* **опали́ть** 1

опаля́ться *несов. страд.* сузонда шудан

опа́мятоваться *сов.* 1. *уст.* ба хуш (ба ифоқа) омадан 2. *перен. прост.* ба худ омадан, хатои худро фаҳмидан

опа́р||а *ж* хамиртуруш; **поста́вить ~у** хамиртуруш кардан

опа́рник *м* тағораи хамиртуруш

опарши́веть *сов. разг.* ғаргин (кутур) шудан

опаса́ться *несов.* 1. *кого-чего и без доп.* тарсидан, хавотир кашидан (шудан) 2. *чего или с неопр.* (*избегать*) эҳтиёт шудан, ҳазар кардан

опасе́ни||е *с* бим, хавф, тарс, андеша; **вызыва́ть ~я** хавф овардан; **из ~я...** аз хавфи..., аз андешаи...

опа́ск||а *ж разг.* эҳтиёт, ҳазар, хавотир, тарс; **идти́ в темноте́ с ~ой** дар торикӣ бо эҳтиёт роҳ гаштан

опа́сливо *нареч. разг.* эҳтиёткорона

опа́сливый, -ая, -ое (**опа́слив**, -а, -о) *разг.* эҳтиёткор(она), хавотиромез; **~ взгляд** нигоҳи хавотиромез

опа́сно 1. *нареч.* сахт, вазнин; **~ заболе́ть** сахт касал шудан 2. *в знач. сказ. безл.* хатаровар (хатарнок) аст; **здесь ходи́ть ~** дар ин ҷо гаштан хатарнок аст

опа́сност||ь *ж* хатар, хавф, бим, таҳлука; **подверга́ться ~и** дучори хатар шудан; **избежа́ть ~и** аз хатар эмин мондан ◇ **смотре́ть ~и в лицо́** ҷонбозӣ кардан

опа́сн||ый, -ая, -ое (**опа́с|ен**, -на, -но) 1. хатарнок, хавфнок, хатарангез, хавфангез, таҳлукаовар; **~ая перепра́ва** гузаргоҳи хавфнок; **~ый престу́пник** ҷинояткори хавфангез 2. сахт, вазнин, хавфнок; **~ое заболева́ние** касалии сахт

опа́||сть *сов.* 1. рехтан, хазон (луч) шудан; **листва́ ~ла** баргҳо рехтанд 2. паст шудан, гаштан; **о́пухоль ~ла** варам паст шуд, варам гашт // *разг.* хароб (лоғар) шудан, чукидан, коҳидан; **бока́ ло́шади ~ли** биқинҳои асп чукиданд

опаха́ло *с уст.* бодбезак

опаха́ть *сов. что* замини атрофи чизеро рондан (шудгор кардан)

опа́хивать I *несов. см.* **опаха́ть**

опа́хивать II *несов. см.* **опахну́ть**

опа́хиваться I *несов. страд.* шудгор карда шудан

опа́хиваться II *несов. страд.* шамол дода шудан

опахну́ть *сов. кого-что* шамол (бод) задан (додан)

опе́к||а *ж* 1. *юр.* васоят, ҳимоят, қайюмият; **учреди́ть ~у, взять под ~у** ба зери васоят гирифтан; **междунаро́дная ~а** *полит.* васояти байналхалқӣ (*системаи идоракунии баъзе мамлакатҳои номустақил бо супориш ва таҳти назорати Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид*) 2. *перен.* ғамхорӣ, парасторӣ, сарпарастӣ, қайюмӣ 3. *собир. юр.* васиён

опека́ть *несов. кого-что юр.* 1. васоят (ҳимоят) кардан 2. *перен.* ғамхорӣ (сарпарастӣ) кардан; **~ мла́дших** хурдонро ғамхорӣ кардан

опеку́н *м юр.* васӣ, қайюм

опеку́нский, -ая, -ое *юр.* ...и васӣ, ...и васоят; **~ сове́т** шурои васоят

опеку́нство *с юр.* васоят, ҳимоят, қайюмӣ; **возложи́ть ~ на кого́-л.** васоят ба зиммаи касе гузоштан

опеку́нствовать *несов. юр.* васоят (ҳимоят, қайюмӣ) кардан // *перен.* ғамхорӣ (парасторӣ) кардан

опеку́нша *женск. к* **опеку́н**

опёнок *м* (*мн.* **опёнки** *и разг.* **опя́та**) кундақорч (*навъи занбуруғи хурданӣ*)

о́пер||а *ж* опера; **слу́шать ~у** опера шунидан ◇ **из друго́й (не из то́й) ~ы** ин гул аз боғи дигар; савол аз ресмон, ҷавоб аз осмон

операти́вно *нареч.* фавран, амалан, зуд, тез, дар вақташ; **~ де́йствовать** зуд амал кардан

операти́вность *ж* фаврӣ будан(и); амалӣ будан(и)

операти́вн||ый, -ая, -ое (**операти́в|ен**, -на, -но) 1. *тк. полн. ф. мед.* ...и ҷарроҳӣ; **~ое вмеша́тельство** чораҳои ҷарроҳӣ 2. *тк. полн. ф. воен.* ...и амалиёти ҳарбӣ (ҷанг); **~ая сво́дка** маълумоти амалиёти ҷанг 3. *тк. полн. ф.* амалкунанда, иҷрокунанда; **~ая гру́ппа** гурӯҳи амалкунанда 4. фаврӣ; амалӣ; самарабахш; **~ое руково́дство** роҳбарии самарабахш

опера́тор *м* оператор (1. *коркуни баландихтисосе, ки механизми мураккабро идора мекунад* 2. *яке аз мутахассисони фильмбардорӣ* 3. *як қисми ҳисобмошини электронӣ*)

опера́торский, -ая, -ое операторӣ

операцио́нн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҷарроҳӣ; **~ое вмеша́тельство** чораҳои ҷарроҳӣ 2. *в знач. сущ.* **операцио́нная** *ж* хонаи ҷарроҳӣ

опера́ци||я *ж* 1. *мед.* ҷарроҳӣ; **де́лать кому́-л. ~ю** касеро ҷарроҳӣ кардан; **подве́ргнуться ~и** ҷарроҳӣ шудан 2. *воен.* амалиёт, амалиёти ҳарбӣ (ҷанг); **план ~и** плани амалиёти ҳарбӣ; **наступа́тельная ~я** амалиёти ҳуҷум 3. *фин.* муомилот, додугирифт; **ба́нковая ~я** муомилоти банк 4. кор, амал; **выполня́ть одновре́ме́нно не́сколько ~й** дар як вақт якчанд корро иҷро кардан

опереди́ть *сов. кого-что* 1. пеш гузаштан, пешдастӣ кардан, ақиб гузоштан 2. *перен.* бартарӣ пайдо кардан, афзалият ёфтан

опережа́ть *несов. см.* **опереди́ть**

опережа́ться *несов. страд.* ақиб гузошта шудан

опереже́ние *с* (*по знач. гл.* **опереди́ть**) пешгузарӣ, ақибгузорӣ; афзалият ёфтан(и)

опере́ние *с* болу пар ◇ **хвостово́е ~ самолёта** думболи самолёт

опере́тка *ж разг. см.* **опере́тта**

опере́точный, -ая, -ое 1. ...и оперетта 2. *перен.* ...и шухӣ, шух, мазҳакӣ

опере́тта *ж* оперетта (*асари саҳнавии мусиқӣ, ки хусусияти мазҳакавӣ дорад ва дар он ҳам гап мезананд ва ҳам мерақсанду месароянд*)

опере́ть *сов. что* такья додан; танба мондан (гузоштан)

опере́ться *сов.* 1. *на кого-что, обо что* такья кардан; **~ на па́лку** ба асо такья кардан 2. *на кого-что перен.* умед бастан, ёрӣ (имдод, мадад) талабидан 3. *на что перен.* ба асос гирифтан, истинод кардан; **~ на фа́кты** ба фактҳо истинод кардан

опери́рование *с* (*по знач. гл.* **опери́ровать**) ҷарроҳӣ кардан(и); кор фармудан(и), истеъмол кардан(и)

опери́ровать 1. *сов., несов. кого-что* ҷарроҳӣ кардан 2. *несов. воен.* амал кардан, амалиёт бурдан; **~ в тылу́**

неприятеля дар ақибгоҳи душман амал кардан 3. *несов.* *чем* кор фармудан, истифода бурдан, истеъмол кардан; ~ **цифрами** рақамҳоро истифода бурдан

оперироваться *несов.* *страд.* чарроҳӣ карда шудан

оперить *сов.* *что* пар халондан, бо пар зебу зинат додан

опериться *сов.* 1. пардор шудан, болу пар пайдо кардан, болу пар баровардан 2. *перен.* *разг.* болиғ шудан, ба балоғат расидан; паррончак шудан

оперн||ый, -ая, -ое 1. ...и опера; ~**ый театр** театри опера 2. *перен.* пурдабдаба, пуркарруфар, ботантана; ~**ая поза** шинухези пурдабдаба

оперять(ся) *несов.* *см.* **оперить(ся)**

опечаленный, -ая, -ое 1. *прич.* андуҳгин (ғамгин) кардашуда 2. *прил.* андуҳгин, ғамгин, маҳзун; ~ **вид** қиёфаи ғамгин

опечаливать *несов.* *см.* **опечалить**

опечалить *сов.* *кого-что* андуҳгин (ғамгин, маҳзун) кардан

опечалиться *сов.* андуҳгин (ғамгин) шудан

опечатать *сов.* *что* муҳр (сурғуч) кардан, манъи истифода кардан; ~ **квартиру** хонаро муҳр кардан

опечатка *ж* саҳв, ғалат; **грубая** ~ ғалати фаҳш

опечатывание *с* (*по знач. гл.* **опечатать**) мӯҳр (сурғуч) кардан(и)

опечатывать *несов.* *см.* **опечатать**

опечатываться *несов.* *страд.* муҳр (сурғуч) карда шудан

опешить *сов.* *разг.* саросема шудан, даступо хурдан

опиваться *несов.* *см.* **опиться**

опий *м* тарьёк, афьюн

опийный, -ая, -ое ...и тарьёк, ...и афьюн

опиливание *с* *см.* **опиловка**

опиливать *несов.* *см.* **опилить**

опиливаться *несов.* *страд.* бо арра кутоҳ карда шудан

опилить *сов.* *что* 1. арра кардан; ~ **доску** тахтаро арра кардан // (*отпилить*) бо арра бурида партофтан; каллак кардан; ~ **сучья** шохчаҳои дарахтро каллак кардан 2. (*обработать напильником*) суҳон (суян) кардан

опилка *ж* *см.* **опиловка**

опилки *мк.* *мн.* аррамайда; оҳансов, суянсов; **древесные** ~ гарди арра, аррамайда

опиловка *ж* (*по знач. гл.* **опилить**) арра кардан(и); каллак кардан(и); суҳон кардан(и); ~ **досок** арра кардани тахтаҳо; ~ **сучьев** каллак кардани шохчаҳои дарахт

опиловочный, -ая, -ое ...и арракунӣ; ...и суҳонкунӣ, ...и суянкунӣ; арракунанда; суҳонкунанда, суянкунанда; ~ **станок** дастгоҳи арракунанда

опирать(ся) *несов.* *см.* **опереть(ся)**

описани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **описать** 1) тасвир, тавсиф 2. нақл, ҳикоят, ривоят, тасвир; по ~**ю очевидцев** аз руи нақли шоҳидон; **это не поддаётся никакому** ~**ю** қалам аз тасвири он оҷиз аст

описанный, -ая, -ое 1. *прич.* тасвир (тавсиф) кардашуда 2. *прил.* *мат.* дарунтасвир; ~ **многоугольник** бисьёрғушаи дарунтасвир

описательный, -ая, -ое тасвирӣ, тавсифӣ, баёнӣ

описать *сов.* 1. *кого-что* тасвир (тавсиф) кардан; ~ **поездку** сафарро тасвир кардан 2. *что* руйхат кардан, ба рӯйхат гирифтан; ~ **инвентарь** асбобу анҷомро руйхат кардан 3. *мат.* кашидан; ~ **окружность** давра кашидан 4. парида афтидан, аввал боло хести баъд поён рафтан, камонӣ афтидан

описаться *сов.* хато (саҳв, иштибоҳ, ғалат) кардан (*дар навишт*)

описка *ж* хато, саҳв, иштибоҳ, ғалат (*дар навишт*)

описывать *несов.* *см.* **описать**

описываться *несов.* *страд.* тасвир карда шудан; кашида шудан

опис||ь *ж* 1. (*по знач. гл.* **описать** 2) руйхат кардан(и); ба рӯйхат гирифтан(и) 2. руйхат, номгуй; **проверить по** ~**и** мувофиқи руйхат тафтиш кардан; **составить** ~**ь документов** рӯйхати ҳуҷҷатҳоро тартиб додан

опиться *сов.* *разг.* аз ҳад зиёд нушидан

опиум *м* тарьёк, афьюн

опиумный, -ая, -ое ...и тарьёк, ...и афьюн

оплавить *сов.* *что* *тех.* 1. гудохтан, об кардан (*канору руи чизеро*) 2. гудохта (об карда) аз махлут тоза кардан

оплавиться *сов.* гудохта (об карда) шудан (*канору руи чизе*)

оплавлять *несов.* *см.* **оплавить**

оплавляться *несов.* 1. *см.* **оплавиться** 2. *страд.* гудохта шудан

оплакать *сов.* *кого-что* азодорӣ (гиръя, навҳа, сугворӣ) кардан, ба мурда гиристан; ~ **смерть друга** ба марги дуст навҳа кардан

оплакивать *несов.* *см.* **оплакать**

оплакиваться *несов.* *страд.* азодорӣ (гиръя) карда шудан

оплата *ж* 1. (*по знач. гл.* **оплатить**) пардохт, ҳақдиҳӣ, музддиҳӣ; ~ **труда** додани музди меҳнат 2. пул, ҳақ, пардохт, музд; **сдельная** ~ музди корбайъ; **подённая** ~ музди рузбайъ; **почасовая** ~ ҳаққи соатбайъ

оплатить *сов.* *что* пардохтан, музд (ҳақ) додан; ~ **работу** музди кореро додан

оплачивать *несов.* *см.* **оплатить**

оплачиваться *несов.* *страд.* пардохта шудан

оплёванный *прич.* (оплёван, -а, -о) туф кардашуда; таҳқир (бадном) кардашуда ◇ **как** ~ зору ҳақир; таги по

оплевать *сов.* *кого-что* *разг.* 1. туф кардан 2. *перен.* таҳқир (бадном, беобру, расво, рӯсиёҳ) кардан, иаҳ задан

оплёвывать *несов.* *см.* **оплевать**

оплёвываться *несов.* *страд.* туф карда шудан; таҳқир карда шудан

оплести *сов.* *кого-что* 1. бофтан, печондан; печидан, печонда гирифтан; ~ **изгородь проволокой** ба тавора сим печондан; **виноград оплёл дерево** ток ба дарахт печидааст 2. *перен.* *прост.* фиреб додан, гул задан

оплетать *несов.* *см.* **оплести**

оплетаться *несов.* *страд.* бофта шудан

оплётка *ж* 1. (*по знач. гл.* **оплести** 1) бофтан(и), печониш 2. руйпеч

оплёточный, -ая, -ое ...и бофтан(и); ...и руйпеч

оплеух||а *ж* *разг.* 1. шаппотӣ, торсакӣ; **дать** ~**у** торсакӣ задан 2. *перен.* шатта, хори

оплечь *нареч.* *уст.* *поэт.* душ

оплечье *с* *уст.* кифтпуш (*қисми либос ё зиреҳе, ки кифтҳоро паноҳ мекунад*)

оплешиветь *сов.* *разг.* тос (кал) шудан

оплодотворение *с* (*по знач. гл.* **оплодотворить**) бордор кардан(и), бордоркунӣ

оплодотворить *сов.* *кого-что* 1. бордор кардан 2. *перен.* *книжн.* мабдаи эҷод гардидан

оплодотвориться *сов.* бордор шудан

оплодотворять *несов.* *см.* **оплодотворить**

оплодотворяться *несов.* 1. *см.* **оплодотвориться**; 2. *страд.* бордор карда шудан

опломбировать *сов.* *что* пломба задан (кардан)

опломбировка *ж* (*по знач. гл.* **опломбировать**) пломбазанӣ

опломбировывать *несов.* *см.* **опломбировать**

опломбировываться *несов.* *страд.* пломба зада шудан

оплот *м* пуштибон, такьягоҳ

оплошать *сов.* *разг.* ғафлат (хато, саҳв) кардан, саҳлангорӣ намудан

оплошка *ж* *прост.* *см.* **оплошность**

оплошность *ж* ғафлат, хато, саҳв, саҳлангорӣ; **допустить** ~ саҳв кардан; **исправить свою** ~ хатои худро ислоҳ кардан

оплошный, -ая, -ое (оплош|ен, -на, -но) *уст.* ...и хато, саҳлангор(она); ~ **поступок** рафтори хато

оплыв *м* 1. (*по знач. гл.* **оплыть** II 1, 3) обшавӣ; фуруравӣ 2. ҷоғар (*рехтаи шахшудамондаи шамъ, ҷои дамидаи девори бетонӣ ва ғ.*)

оплывание *с* *см.* **оплыв** 1

оплывать I, II *несов.* *см.* **оплыть** I, II

оплыть I *сов.* *что* аз паҳлуи *чизе* шино карда гузаштан, гирдогирди *чизе* шино кардан; ~ **остров** гирдогирди ҷазира шино кардан

оплы||ть II *сов.* 1. об шудан; **свеча** ~**ла** шамъ об шуд 2. фарбеҳ шудан, варам кардан, варам кардан 3. чукидан, фуру рафтан; **правый берег** ~**л** соҳили рост фуру рафт

оповестить *сов.* *кого-что* *о чём* хабардор (огоҳ) кардан

оповещать *несов.* *см.* **оповестить**

оповещаться *несов. страд.* хабардор карда шудан

оповещение *с* 1. (*по знач. гл.* **оповестить**) хабардор (огоҳ) кардан(и) 2. хабар, хабарнома

опоганивать *несов. см.* **опоганить**

опоганиваться *несов.* 1. *см.* **опоганиться**; 2. *страд.* ҳаром карда шудан

опоганить *сов. кого-что разг.* ҳаром (мурдор, палид) кардан

опоганиться *сов. разг.* ҳаром (мурдор, палид) шудан

оподлеть *сов. разг.* разил (хабис, нокас) шудан

оподлить *сов. разг. что* разил (хабис, нокас) кардан

оподлиться *сов. разг. см.* **оподлеть**

оподлять *несов. см.* **оподлить**

опоек *м* 1. *обл.* гусолача 2. пусти гусола; чарми гусола

опоечи||ый, -ая, -ое ...и чарми гусола; **~ые сапоги** музаи чарми гусола

опоздание *с* дермонӣ, дерой; **прийти с ~м** дер омадан

опоздать *сов.* дер мондан (омадан), бевақт мондан, ҳаял кардан; **~ на пять минут** панҷ дақиқа дер мондан

опознавание *с см.* **опознание**

опознавательный, -ая, -ое ...и тафрика, ...и ташхис; **~ знак** аломати тафриқа

опознавать *несов. см.* **опознать**

опознаваться *несов. страд.* тафриқа (ташхис) карда шудан

опознание *с* (*по знач. гл.* **опознать**) тафриқа (ташхис) кардан(и)

опознать *сов. кого-что* тафриқа (ташхис) кардан

опозорить *сов. кого-что* беобрӯ (расво, шарманда, русиёҳ) кардан

опозориться *сов.* беобрӯ (расво, шарманда, русиёҳ) шудан

опоить *сов. кого-что* 1. аз ҳад зиёд нушондан; ниҳоят бисьёр об хуронда зарар расондан 2. *уст.* (*отравить*) заҳр нушондан (додан)

опой *м вет.* оқсил

опойковый, -ая, -ое *см.* **опоечный**

опока *ж тех.* қолиби рехтагарӣ

ополаскивание *с* (*по знач. гл.* **ополоснуть**) қатронкунӣ

ополаскивать *несов. см.* **ополоснуть**

ополаскиваться *несов.* 1. *см.* **ополоснуться**; 2. *страд.* қатрон карда шудан

оползать *сов. что разг.* хазидан, палмидан, гавак кашидан

оползать I, II *несов. см.* **оползти** I, II

оползень *м* ярч (*лағжида фурома-дани қабатҳои замин*)

оползнев||ый, -ая, -ое ...и ярч, ярчӣ; **~ые массы** ҷинсҳои ярчӣ

оползти I *сов. кого-что* хазида (палмида, гавак кашида) гузаштан

оползти II *сов.* фуру рафтан, чукидан, лағжидан

ополовинить *сов. что прост.* нисф (ним) кардан, ба нисф (ба ним) овардан

ополоскать *сов. прост. см.* **ополоснуть**

ополоснуть *сов. что* қатрон кардан

ополоснуться *сов. разг.* худро каме шустан (шустушу кардан)

ополоть *сов. что* хишова кардан

ополоуметь *сов. прост.* ақл гум кардан, ақли худро хурдан, бехуд шудан

ополчаться *несов. см.* **ополчиться**

ополченец *м* аскари (сарбози) халқӣ

ополчение *с* 1. *ист.* лашкар, лашкари ихтиёрӣ 2. лашкари халқӣ (*лашкаре, ки дар айёми ҷанг барои мадад ба лашкари низомӣ аз ҷумлаи одамони аз уҳдадории ҳарбӣ озод таш-кил меёбад*)

ополченческ||ий, -ая, -ое ...и лашкари халқӣ; **~ая дивизия** дивизияи лашкари халқӣ

ополчить *сов. кого-что* 1. *уст.* ярокнок (мусаллаҳ) кардан, лашкар ороcтан, ба ҷанг омода кардан 2. *перен. прост.* барангехтан, ба шур оварондан

ополчиться *сов.* 1. ярокнок (мусаллаҳ) шудан, лашкар ороста шудан, ба ҷанг омода шудан; **~ на врага** зидди душман ба ҷанг омода шудан 2. *перен.* барангехтан, ҳуҷум кардан; **~ на автора** ба муаллиф ҳуҷум кардан

опомни||ться *сов.* 1. ба ҳуш (ба ифоқа) омадан; **больной ~лся** бемор ба ифоқа омад 2. аз фикри хато гаштан, хатои худро фаҳмидан; **~тесь! Что вы хотите делать?** ҳушьёр шавед! Чӣ кор кардан мехоҳед?

опор *м*: **во весь ~ мчаться (нестись, скакать)** бо тамоми суръат (бо шаст, бо шиддат) давидан (тохтан)

опор||а *ж* 1. такьягоҳ, пуштибон, пуштупаноҳ; танба, истинод; **точка ~ы** нуқтаи истинод // (*подпорка*) хавоза, танба, имод; **поднять виноградные ветви на ~ы** шохаҳои токро ба хавоза бардоштан // *тех.* поя; **~ы моста** пояҳои кӯпрук 2. *перен.* (*основа*) асос, исбот, пойгоҳ 3. *перен.* ёрӣ, мадад, дастгир(ӣ), пуштибон(ӣ); **сын — ~а семьи** писар пуштибони оила аст

опоражнивать *несов. см.* **опорожнить**

опоражниваться *несов.* 1. *см.* **опорожниться**; 2. *страд.* холӣ карда шудан

опорки *мн.* (*ед.* **опорок** *м*) музаи (кафши) кӯҳна

опорн||ый, -ая, -ое 1. ...и такьягоҳ, такьягоҳӣ, ...и танба; **~ая точка** нуқтаи такьягоҳ 2. *перен.* асосӣ, ...и пойгоҳ; **~ая база** базаи асосӣ

опорожнить *сов. что* холӣ (тиҳӣ) кардан; **~ ведро** чалакро холӣ кардан

опорожниться *сов.* холӣ (тиҳӣ) шудан

опорожнять(ся) *несов. см.* **опоражнивать(ся)**

опорос *м* зоидани хук

опороситься *сов.* [бача] зоидан (*оид ба хук*)

опорочение *с* (*по знач. гл.* **опорочить**) бадном кардан(и)

опорочивать *несов. см.* **опорочить**

опорочиваться *несов. страд.* бадном карда шудан

опорочить *сов. кого-что* бадном кардан, наҳ задан

опосредование *с см.* **опосредствование**

опосредованный, -ая, -ое *см.* **опосредствованный**

опосредовать *сов., несов. см.* **опосредствовать**

опосредствование *с* (*по знач. гл.* **опосредствовать**) баёни (ифодаи) ғайримустаким

опосредствовани||ый, -ая, -ое *филос.* ғайримустақим; **~ое познание действительности** идроки ғайримустақими воқеият

опосредствовать *сов., несов. что филос.* ғайримустақим баён (ифода) кардан

опоссум *м зоол.* опоссум (*калламуши думдарози америкоӣ*)

опостылеть *сов. разг.* ба дил задан, дилбазан шудан, ба ҷон расидаи, безор шудан

опохмелиться *сов. разг.* рафъи хумор кардан

опохмеляться *несов. см.* **опохмелиться**

опочивальня *ж уст.* шабистон

опочивать *несов. уст. теперь ирон.* хуфтан

опочить *сов. уст.* 1. хоб рафтан, хуфтан 2. *перен.* ба хоби абадӣ рафтан

опошление *с* (*по знач. гл.* **опошлить**) расво (бемаза) кардан(и); (*по знач. гл.* **опошлиться**) расво (бемаза) шудан(и)

опошлеть *сов. разг. см.* **опошлиться**

опошлить *сов. кого-что* расво (бемаза, беодоб, беахлоқ, қабеҳ) кардан

опошлиться *сов.* расво (бемаза, беодоб, беахлоқ, қабеҳ) шудан

опошлять *несов. см.* **опошлить**

опошляться *несов.* 1. *см.* **опошлиться**; 2. *страд.* расво (бемаза) карда шудан

опоэтизировать *сов. кого-что* тавсиф кардан; **~ действительность** воқеиятро тавсиф кардан

опояса||ть *сов.* 1. *кого-что* камар (миён) бастан // *уст.* ба камар (ба миён) шамшер бастан 2. *что перен.* иҳота (миёнагир) кардан, фаро (печонда) гирифтан; **горы ~ли озеро** кӯҳҳо кулро иҳота кардаанд

опоясаться *сов.* 1. камари (миёни) худро бастан // *уст.* шамшер ба камари (ба миёни) худ бастан 2. *перен.* иҳота (печонда) шудан

опоясывать *несов. см.* **опоясать**

опоясываться *несов.* 1. *см.* **опоясаться**; 2. *страд.* камари худро баста шудан

оппозиционер *м* оппозиционер, тарафдори оппозиция

оппозиционность *ж* оппозиционӣ (мухолиф) будан(и)

оппозиционн||ый, -ая, -ое (оппозиционен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* оппозиционӣ, ...и оппозиция 2. оппозиционӣ, мухолиф, зид, муқобил, норозӣ; **~ые настроения** руҳияи мухолифат

оппозиция *ж* оппозиция (1. *мухо-*

лифат, зиддият 2. гуруҳе, ки дар дохили ягон партия, ҷамъият ё ташкилот ба муқобили аксарият сиёсати зиддият ва муқобилат мебарад)

оппонéнт *м* 1. ҳариф *(дар баҳс, мунозира)*; 2. оппонент *(касе, ки ба сифати диссертация ва ё маъруза бояд баҳо диҳад)*

оппони́ровать *несов.* оппонент шудан

оппортуни́зм *м* оппортунизм *(дар ҳаракати коргари ҷараёни зиддимарксистӣ, ки созиш, ҳамкорӣ, муросо бо буржуазия ва аз усулҳои революционии мубориза даст кашиданро тарғиб мекунад)*

оппортуни́ст *м* оппортунист, созишкор

оппортунисти́ческий, -ая, -ое оппортунисти, созишкорона

оппортуни́стский, -ая, -ое ...и оппортунист

опрáв||а *ж* чанбарак; **очки́ в золото́й ~е** айнаки чанбаракаш тилло

оправдáни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **оправдáть**) сафед кардан(и), бегуноҳ донистан(и) 2. *юр.* сафедкунӣ 3. асос, далел, узр; **искáть ~я** узр овардан; **для тако́го посту́пка нет ~я** чунин кирдорро намебахшанд

оправдáнн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* сафед кардашуда 2. *прил.* асоснок, дуруст, хак; **вполне́ ~ое решéние** карори комилан асоснок

оправдáтельный, -ая, -ое ...и бегуноҳӣ. ...и сафедкунанда; **~ пригово́р** *юр.* ҳукми сафедкунанда

оправдáть *сов.* 1. *кого* сафед кардан, бегуноҳ (ҳақ) донистан; **~ подсуди́мого** *юр.* судшавандаро сафед кардан 2. *что* дуруст (ҳақ) шумурдан; маъзур доштан; **~ чéй-л. посту́пок** рафтори касеро дуруст шумурдан 3. *что* сазовор будан; **~ чьё-л. довéрие** сазовори эътимоди касе будан (шудан) 4. *что (окупить)* талофӣ кардан 5. *фин.* расман тасдиқ (асоснок) кардан *(хароҷотро)*

оправдá||ться *сов.* 1. худро сафед кардан, бегуноҳии худро исбот кардан 2. ҳақ баромадан, амалан собит шудан; **э́та теóрия ~лась на прáктике** дурустии ин назария амалан собит шуд 3. талофӣ шудан; **расхо́ды на доро́гу ~лись** ҳусури хароҷоти роҳ баромад

оправдыва||ть *несов. см.* **оправдáть**; **я не ~ю его́ посту́пка** ман кирдори уро дуруст намешуморам

оправдываться *несов.* 1. *см.* **оправдáться**; **он нáчал ~** вай худро сафед кардан гирифт 2. *страд.* сафед карда шудан

оправить I *сов. что* ба тартиб овардан, дуруст (соз, тахт) кардан; **~ постéль** ҷойгаҳро тахт кардан

оправить II *сов. что* ба нигинхона (ба чанбарак) шинондан; **~ драгоцéнный кáмень** санги қиматбаҳоро ба нигинхона шинондан

оправиться *сов.* 1. сарулибоси худро ба тартиб овардан (андохтан); **~ пéред зéркалом** ба оина нигоҳ карда сарулибоси худро ба тартиб овардан 2. *(выздороветь)* сиҳат шудан, шифо (даво) ёфтан // *перен.* ба худ омадан, баромадан; **~ от смущéния** аз хиҷолат баромадан 3. *(после бедствия, поражения и т. п.)* молу амволи худро боз ёфтан (ҷамъ кардан); **~ по́сле пожáра** баъд аз сухтор молу амволи худро боз ҷамъ кардан 4. *разг.* ба халоҷо (ба мабраз) рафтан, қазои ҳоҷат кардан

опрáвка I *ж (по знач. гл.* **опрáвить** I 1) дуруст (соз, тахт) кардан(и)

опрáвка II *ж* 1. *(по знач. гл.* **опрáвить** II) нишондан(и) 2. *тех.* шиканча *(олати дастгоҳҳои металлбурӣ барои дошта истодани асбоб ё маснуот)*

оправлять I, II *несов. см.* **опрáвить** I, II

оправля́ться I *несов.* 1. *см.* **опрáвиться**; 2. *страд.* дуруст карда шудан

оправля́ться II *несов. страд.* шинонда шудан

опрáстывать *несов. см.* **опростáть**

опрáстываться *несов.* 1. *см.* **опростáться**; 2. *страд.* холӣ карда шудан

опрáшивание *с см.* **опро́с**

опрáшивать *несов. см.* **опроси́ть**

опрáшиваться *несов. страд.* пурсида шудан

определéние *с* 1. *(по знач. гл.* **определи́ть** 1—6) таъин (муайян, муқаррар) кардан(и); *(по знач. гл.* **определи́ться** 2, 3) ҷои худро муайян кардан(и), роҳ ёфтан(и); **~ мéры наказáния** таъин кардани дараҷаи ҷазо 2. таъриф; **дать ~** таъриф кардан 3. *юр.* қарор, ҳукм; **~ судá** ҳукми суд; **чáстное ~** таъиноти алоҳида 4. *грам.* муайянкунанда

определённо *нареч.* 1. аниқ, ошкоро, кушоду равшан, муқаррар; **~ выскáзываться** фикри худро кушоду равшан гуфтан 2. *разг.* албатта, яқинан, бешак, бечуну чаро; **онá емý ~ нрáвится** у ба вай яқин маъқул аст

определённость *ж* аниқӣ, яқинӣ

определённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* муқарраршуда 2. *прил.* (определён|ен, -на, -но) аниқ, муайян; **в ~ый час** дар соати муайян 3. *прил.* (определён|ен, -на, -на) аниқ, яқин, возеҳ, равшан, сареҳ; **вынести ~ое впечатлéние** таассуроти равшан ҳосил кардан 4. *прил.* (определён|ен, -на, -но) муайян, баъзе; **при ~ых услóвиях** дар шароити муайян 5. *прил.* (определён|ен, -на, -но) *разг.* бешак, бешубҳа, бечуну чаро; **э́то ~ый успéх** ин бешубҳа муваффақият аст

определи́мость *ж* муайяншавандагӣ, муайяншаванда будан(и); **~ поня́тия** муайяншаванда будани мафҳум

определи́мый, -ая, -ое (определи́м, -а, -о) муайяншаванда

определи́тель *м* 1. *книжн.* муайянкунанда 2. маълумотнома; **~ растéний** маълумотномаи наботот 3. *мат.* муайянкунанда *(ифодаи математикие. ки ба воситаи он қоидаҳои ҳалли муодилаҳои алгебрии дараҷаи якумро мухтасар баён кардан мумкин аст)*

определи́тельн||ый, -ая, -ое 1. муайянкунанда, муқарраркунанда; **~ые признаки** аломатҳои муайянкунанда 2. *грам.* муайянкунанда; **~ое местоимéние** ҷонишини муайянкунанда

определи́ть *сов.* 1. *что* таъин (муайян, муқаррар) кардан; равшан (возеҳ) кардан; **~ чéй-л. во́зраст** синни касеро муайян кардан // *мат.* муайян кардан; **~ плóщадь треуго́льника** сатҳи секунҷаро муайян кардан 2. *что (дать характеристику)* таъриф (таъбир) кардан 3. *что (обозначить, наметить)* аломат (нишона, ишорат) кардан, нишон додан 4. *что* муқаррар кардан; **~ размéр зарабóтной плáты** маблағи музди корро муқаррар кардан 5. *что юр.* қарор (ҳукм) кардан; **~ мéру наказáния** ҷазоро таъин кардан 6. *кого уст. и прост. (устроить на службу и т. п.)* таъин кардан, ба кор мондан 7. *что* сабаб (боис, сабабгор) шудан; **тщáтельная подготóвка определи́ла успéх** тайёрии хуб боиси муваффақият гашт ◇ **~ на глаз (на глазóк)** аз руи дид тахмин (муайян) кардан

определи́||ться *сов.* 1. таъин (муайян, муқаррар) шудан; равшан (возеҳ, ошкор) шудан; **болéзнь ~лась** касалӣ муайян гардид (шуд) // *перен. (сформироваться)* ташаккул ёфтан 2. ҷои худро муайян кардан, роҳ ёфтан; **~ться по сóлнцу** аз руи офтоб роҳ ёфтан 3. *уст. и прост. (устроиться на службу и т. п.)* ба коре даромадан

определя́емое *с грам.* муайяншаванда

определя́ть *несов. см.* **определи́ть**

определя́ться *несов.* 1. *см.* **определи́ться**; 2. *страд.* муайян карда шудан

опрéлость *ж* шалхидагӣ

опреснéние *с (по знач. гл.* **опресни́ть**) ширин кардан(и); *(по знач. гл.* **опресни́ться**) ширин шудан(и); **искýсственное ~ воды́** ба таври сунъӣ ширин кардани оби шӯр; **~ пóчвы** обшӯӣ кардани шурхок

опресни́тель *м* обширинкунак *(дастгоҳи ширин кардани оби шӯр)*

опресни́тельный, -ая, -ое ширинкунандаи оби шур

опресни́ть *сов. что* ширин кардан; **~ морскýю вóду** оби баҳрро ширин кардан

опресни́ться *сов.* ширин шудан

опреснять *несов. см.* **опресни́ть**

опресняться *несов.* 1. *см.* **опресни́ться**; 2. *страд.* ширин карда шудан

оприхóдовать *сов. что бухг.* ба дафтари мадохил даровардан (навиштан)

опри́чник *м ист.* опричник *(ашрофи низомӣ дар аҳди Иван Грозный)*

опри́чнина *ж ист.* опричнина *(1. тадбирҳои фавқулоддаи Иван Грозный барои мустаҳкам намудани давлати Рус 2. қушунҳои махсуси Иван Грозный 3. заминҳои бояр.ҳо, ки Иван Грозный мусодира карда буд)*

опри́чн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и оп-

ричнина; ~ые зе́мли заминҳои опричнина

опри́чь *предлог с род. уст. и обл.* ғайр аз, ба ҷуз, бидуни...

опро́бование *с (по знач. гл.* **опро́бовать)** санҷидан(и), озмудан(и), санҷиш, озмоиш, имтиҳон; ~ **механи́зма** озмоиши механизм

опро́бовать *что* 1. *сов., несов.* санҷидан, озмудан, имтиҳон кардан; ~ **мото́р** муҳаррикро озмудан 2. *обл. (пищу, напиток)* чашидан, чошнӣ гирифтан

опроверга́ть *несов. см.* **опрове́ргнуть**

опроверга́ться *несов. страд.* рад карда шудан

опрове́ргнуть *сов. что* рад кардан; ~ **ло́жные слу́хи** овозаҳои дурӯғро рад кардан

опроверже́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **опрове́ргнуть)** рад кардан(и); ~ **клеветы́** рад кардани туҳмат 2. раддия; **в** ~ ба сифати раддия

опрокидно́й, -а́я, -ое чаппашаванда

опроки́дывание *с (по знач. гл.* **опроки́нуть)** чаппа кардан(и)

опроки́дыватель *м* чаппакунак *(таҷҳизоти фурорандаи бори вагонҳои кушод, вагончаҳо ва ғ.)*

опроки́дывать *несов. см.* **опроки́нуть**

опроки́дываться *несов.* 1. *см.* **опроки́нуться**; 2. *страд.* чаппа карда шудан

опроки́нуть *сов.* 1. *кого-что* чаппа кардан, ғалтондан; пуштнокӣ ғалтондан; ~ **стул** курсиро ғалтондан 2. *что и без доп. прост.* нушидан, ба сар кашидан 3. *кого-что перен.* зада дур партофтан; ~ **врага́** душманро зада дур партофтан 4. *кого-что перен.* барҳам додан, нест (бекор) кардан

опроки́нуться *сов.* чаппа (чаппагардон) шудан; пуштнокӣ ғалтидан; ~ **на́взничь** пуштнокӣ ғалтидан

опроме́тчиво *нареч.* шитобкорона, бемулоҳиза, беандеша; **поступи́ть** ~ бемулоҳиза рафтор кардан

опроме́тчивость *ж* шитобкорӣ, бемулоҳизагӣ, рафтори беандеша; **испра́вить свою́** ~ рафтори беандешаи худро ислоҳ кардан

опроме́тчивый, -ая, -ое (опроме́тчив, -а, -о) шитобкорона, бемулоҳиза, беандеша; ~ **посту́пок** рафтори беандеша

о́прометью *нареч.* дартоз, шитобон, бо шаст; ~ **бежа́ть** бо шаст тохтан

опро́с *м (по знач. гл.* **опроси́ть)** пурсиш, раъйпурсӣ; **произвести́** ~ раъйпурсӣ кардан

опроси́ть *сов. кого-что* пурсидан, раъйпурсӣ кардан; суол додан; ~ **населе́ние** аҳолиро раъйпурсӣ кардан; ~ **ученико́в** аз талабагон дарсро пурсидан

опро́сный, -ая, -ое саволӣ, ...и пурсиш; ~ **лист** саволнома

опроста́ть *сов. что прост.* холӣ (тиҳӣ) кардан

опроста́ться *сов. прост.* холӣ (тиҳӣ) шудан

опрости́ть *сов. что* содда (оддӣ, осон) кардан

опрости́ться *сов.* хоксор (шикастанафс, фурутан) шудан

опростоволо́ситься *сов. разг.* хато карда шармсор (хандахариш) шудан, дар хиҷолат мондан

опротестова́ние *с (по знач. гл.* **опротестова́ть)** эътироз, шикоят; мансух кардан(и); ~ **ве́кселя** *ком.* мансух кардан(и) вексель

опротестова́ть *сов. что* 1. *юр.* эътироз (шикоят) кардан; ~ **пригово́р** аз хусуси ҳукм эътироз кардан 2. *ком.* мансух кардан; ~ **ве́ксель** вексельро мансух кардан *(дар сари вақт дода нашудани пули вексельро расман тасдиқ кардан)*

опротесто́вывать *несов. см.* **опротестова́ть**

опротесто́вываться *несов. страд.* эътироз (шикоят) карда шудан

опроти́веть *сов.* ба дил задан, дилбазан шудан, манфур шудан

опроща́ть *несов. см.* **опрости́ть**

опроща́ться *несов.* 1. *см.* **опрости́ться**; 2. *страд.* содда карда шудан

опроще́ние *с (по знач. гл.* **опрости́ться)** хоксорӣ, шикастанафсӣ, фурутанӣ

опры́скать *сов. кого-что* пошидан, об пошидан, щакароб задан; ~ **духа́ми** атр задан

опры́скаться *сов.* ба худ пошидан (задан); ~ **духа́ми** ба худ атр задан

опры́скивание *с (по знач. гл.* **опры́скать)** пошидан(и), шакароб задан(и); дорузанӣ, дорупошӣ; ~ **посе́вов** дору задани киштзорҳо

опрыскиватель *м* дорупошак

опры́скивать *несов. см.* **опры́скать**

опры́скиваться *несов.* 1. *см.* **опры́скаться**; 2. *страд.* пошида шудан

опры́снуть *сов. однокр. к* **опры́скивать**

опря́тно 1. *нареч.* покиза, озода; нозиф, назех; ~ **оде́тый** хушсарулибос 2. *в знач. сказ. безл.* нозиф [аст]

опря́тность *ж* покизагӣ, озодагӣ; назофат, назоҳат

опря́тный, -ая, -ое (опря́т|ен, -на, -но) покиза, озода; боназофат; ~ **вид** намуди боназофат

опта́нт *м юр.* оптант *(шахсе, ки ҳақ дорад раияти мамлакати дигар шавад)*

опта́ция *ж юр.* оптация *(додани ҳуқуқи интихоби раият ба аҳолии ҷойҳое, ки аз як давлат ба давлати дигар мегузарад)*

о́птик *м* 1. оптик, мутахассиси оптика 2. *(мастер)* устои асбобҳои оптикӣ, шишагар, зуҷҷоҷ

о́птика *ж* оптика (1. *соҳаи физика, ки ҳодисаҳо ва хосиятҳои равшаниро меомӯзад* 2. *собир. асбоб ва воситаҳое, ки амали онҳо ба инъикос ва шикасти нурҳо асос ёфтааст)*

оптима́льн||ый, -ая, -ое (оптима|лен, -льна, -льно) беҳтарин, мувофиқ, муносиб; ~**ые усло́вия** шароити муносиб

оптимиза́ция *ж* муносиб кардан(и)

оптими́зм *м* некбинӣ, зиндадилӣ

оптими́ст *м* некбин, некхоҳ, зиндадил

оптимисти́чески *нареч.* некбинона, зиндадилона

оптимисти́ческий, -ая, -ое некбин, зиндадил, некхоҳ, ҳамешашод, шоду хуррам

оптимисти́чно *нареч. см.* **оптимисти́чески**

оптимисти́чность *ж* некбин (зиндадил, некхоҳ) будан(и)

оптимисти́чный, -ая, -ое (оптимисти́ч|ен, -на, -но) *см.* **оптимисти́ческий**

опти́ровать *сов., несов. кого-что юр.* оптация кардан

опти́роваться *юр.* 1. *сов., несов.* оптация кардан 2. *несов.* оптация карда шудан

опти́ческ||ий, -ая, -ое оптикӣ, ...и оптика; ~**не прибо́ры** асбобҳои оптикӣ; ~**ий обма́н** фиреби назар

оптови́к *м* кутарафуруш, яклухтфуруш

опто́в||ый, -ая, -ое кутара, яклухт; ~**ая торго́вля** савдои кутара; ~**ые це́ны** нархҳои кутарафурушӣ

о́птом *нареч.* 1. кутара, яклухт; **продава́ть това́ры** ~ молҳоро кутара фурӯхтан 2. *перен. разг.* якҷоя, якбора, бутун

опубликова́ние *с (по знач. гл.* **опубликова́ть)** нашр (эълон, чоп, паҳн, интишор) кардан(и); ~ **но́вого зако́на** интишор кардани қонуни нав

опубликова́ть *сов. что* нашр (эълон, чоп, паҳн, интишор) кардан; ~ **статью́** мақоларо нашр кардан

опублико́вывать *несов. см.* **опубликова́ть**

опублико́вываться *несов. страд.* нашр (эълон) карда шудан

опу́нция *ж бот.* тафтунӣ

о́пус *м муз.* тасниф от // *разг. шутл.* навиштаҳо; **литерату́рный** ~ навиштаҳои адабӣ

опуска́ние *с (по знач. гл.* **опусти́ть)** фуровардан(и), паст кардан(и); *(по знач. гл.* **опуска́ться** 2) фуру рафтан(и), чукидан(и), фуромадан(и); **поднима́ние и** ~ **рук** боло ва поин кардани дастон; ~ **су́ши** фуру рафтани хушкӣ

опуска́ть *несов. см.* **опусти́ть**

опуска́||ться *несов.* 1. *см.* **опусти́ться**; 2. оҳиста-оҳиста паст (поин) шудан, фуру рафтан, чукидан, фуромадан 3. *страд.* фуроварда шудан, паст карда шудан ◇ **ру́ки** ~**ются** *у кого* дасту дил хунук мешавад

опускно́й, -а́я, -ое поёншаванда

опусте́л||ый, -ая, -ое холӣ, хилват; ~**ые у́лицы** кӯчаҳои хилват

опусте́ние *с (по знач. гл.* **опусте́ть)** холӣ (хилват) шудан(и)

опусте́||ть *сов.* 1. холӣ (тиҳӣ) шудан; **гнездо́** ~**ло** лона холӣ шуд 2. холӣ (хилват) шудан; **у́лица** ~**ла** кӯча хилват шуд

опусти́ть *сов.* 1. *кого-что* фуровардан, паст (поин) кардан, партофтан, андохтан, гузоштан; ~ **флаг** байрақро фуровардан; ~ **ру́ки** 1) даст поён кардан 2) *перен.* аз сари худ соқит кардан, ноумед (беғайрат) шудан // *что (наклонить)* хам кардан; ~ **го-**

лову сар хам кардан // *что (потупить)* поён афкандан; ~ **глаза́** чашм поён афкандан 2. *кого-что во что* андохтан, чо кардан; ~ **ру́ку в карма́н** даст ба киса андохтан 3. *что (занавес и т. п.)* пушидан, кашидан, фуровардан 4. *что* партофта гузаштан, соқит кардан; ~ **подро́бности** тафсилотро партофта гузаштан ◇ ~ **кры́лья** беболу пар (рухафтода) шудан; ~ **нос** лабу лунҷ овезон кардан, хафаю бедимоғ шудан; ~ **перпендикуля́р** *мат.* перпендикуляр кашидан

опусти́||ться *сов.* 1. фуромадан, паст шудан; ~**ться в коло́дец** ба чох фуромадан // *(наклониться)* хам шудан // *(сесть; лечь)* нишастан; хобидан; ~**ться на дива́н** ба диван нишастан; ~**ться на коле́ни** зону задан // *(о птице и т. п.)* ба замин фуромадан // *перен.* *(о тумане и т. п.)* фаро гирифтан; **су́мерки** ~**лись на зе́млю** вақти говгум шуд, заминро пардаи торикӣ фаро гирифт 2. пушида шудан, кашида шудан, поён шудан; **за́навес** ~**лся** парда поён шуд 3. *перен.* мурдадил (беҳавсала, бепарво) шудан; аз худ бехабар шудан ◇ ~**ться на дно** пастфитрат (бадахлоқ) шудан; радди маъракa шудан; **ру́ки** ~**лись** *у кого* ҳавсала пир шуд

опустоша́ть *несов. см.* **опустоши́ть**

опустоша́ться *несов. страд.* ғорат карда шудан

опустоше́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **опустоши́ть**) ғорат (хоку туроб) кардан(и); 2. *см.* **опустошённость**

опустошённост||ь *ж* мурдадилӣ, афтодаруҳӣ; **чу́вство** ~**и** афтодаруҳи

опустошённый, -ая, -ое 1. *прич.* ғорат (хоку туроб) кардашуда 2. *прил.* мурдадил, беҳавсала, афтодарух; ~ **челове́к** одами мурдадил

опустоши́тельность *ж* харобиоварӣ, хокутуробгардонӣ

опустоши́тельн||ый, -ая, -ое (опустоши́те|лен, -льна, -льно) харобкунанда, харобиовар, хонумонсуз; ~**ые во́йны** ҷангҳои хонумонсуз

опустоши́ть *сов.* 1. *что (разорить)* ғорат (хоку туроб, хонасалот, хонабардуш) кардан 2. *что разг.* холӣ (тиҳӣ) кардан; ~ **карма́ны** кисаҳоро холӣ кардан 3. *кого-что перен.* мурдадил (беҳавсала, бепарво) кардан, афтодарух (маъюс, оҷизу нотавон) кардан; ~ **ду́шу** мурдадил кардан

опу́тать *сов. кого-что* 1. печондан, гирдогирд бастан, бофтан; ~ **про́волокой** сим печондан; ~ **но́ги коня́** аспро кишанг кардан // *(обвить, оплести собой)* печидан, печонда гирифтан 2. *перен.* ба дом андохтан, даступо бастан, фиреб додан; ~ **се́тью интри́г** ба доми фитна андохтан; ~ **кого́-л. долга́ми** касеро ба карз ғутондан

опу́тывать *несов. см.* **опу́тать**

опу́тываться *несов. страд.* печонда шудан

опуха́ние *с (по знач. гл.* **опу́хнуть**) варамидан(и), омос кардан(и), дамидан(и); ~ **ног** варамидани пойҳо

опуха́ть *несов. см.* **опу́хнуть**

опу́хлость *ж разг.* варам, омос, дамидагӣ

опу́хл||ый, -ая, -ое *разг.* варамида, омосида, дамида; ~**ое лицо́** рӯи варамида

опу́х||нуть *сов.* варам кардан, варамидан, омосидан, дам кардан, бод овардан; **глаза́** ~**ли от слёз** чашмон аз гирья варам карданд

опухолеви́дный, -ая, -ое варамшакл, омосшакл, омоснамо

о́пухолевый, -ая, -ое ...и варам, ...и омос

о́пухоль *ж* варам, омос; **доброка́чественная** ~ варами безарар; **злока́чественная** ~ варами зарарнок; **удали́ть** ~ варамро бурида партофтан

опуша́ть *несов. см.* **опуши́ть**

опуша́ться *несов.* 1. *см.* **опуши́ться**; 2. *страд.* лабакӣ духта шудан

опуше́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **опуши́ться** 1) мӯй (пашм) бароварданӣ(и); патдор шудан(и) 2. мӯй, пашм; пат

опу́шечный, -ая, -ое ...и канори беша, ...и доманаи беша

опуши́||ть *сов. что* 1. зер кардан, пӯшондан; **снег** ~**л поля́** барф даштҳоро зер кардааст 2. лабакӣ (фаровез) духтан; ~**ть во́рот пальто́** ба гиребони пальто лабакӣ духтан

опуши́||ться *сов.* 1. мӯй (пашм) баровардан; патдор шудан; **птенцы́** ~**лись** ҷӯҷаҳо пат баровардаанд 2. *(снегом, инеем)* пурбарф шудан, кирав бастан, пушонда шудан, зер шудан; *(молодой листвой, зеленью)* шоху барг баровардан, сабза дамидан

опу́шка I *ж* 1. *(по знач. гл.* **опуши́ть** 2) лабакӣ (фаровез) дӯхтан(и) 2. лабакӣ, фаровези муинагӣ

опу́шка II *ж (край леса)* канори (доманаи) беша

опуще́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **опусти́ть** 1, 2, 4) фуровардан(и), паст кардан(и); партофта гузаштан(и); *(по знач. гл.* **опусти́ться** 1) фуромадан(и), паст шудан(и), фурӯдой 2. *мед.* фуромадан(и); ~ **желу́дка** фуромадани меъда

опу́щенный *прич.* (опу́щен, -а, -о) фуровардашуда, паст кардашуда ◇ **как в во́ду** ~ мисли пишаки ба об афтида

опыле́ние *с (по знач. гл.* **опыли́ть**) гардолуд кардан(и), гардолудкунӣ; *(по знач. гл.* **опыли́ться**) гардолуд шудан(и), гардолудшавӣ

опы́ливание *с (по знач. гл.* **опыливать**) дорупошӣ; ~ **посе́вов** дорупошӣ ба киштҳо

опы́ливатель *м* дорупошак; **тра́кторный** ~ дорупошаки тракторӣ

опыливать *несов. с.-х.* дору поши-дан

опы́ливаться *несов. страд.* дору пошида шудан

опыли́тель *м* 1. гардолудкунанда *(ҳашарот, паррандаҳо, шамол ва ғ.)* 2. *см.* **опы́ливатель**

опыли́тельный, -ая, -ое 1. гардолудкунанда 2. ...и дорупошӣ; ~ **прибо́р** дорупошак

опыли́ть *сов. что бот.* гардолуд кардан

опыли́ться *сов. бот.* гардолуд шудан

опыля́ть *несов. см.* **опыли́ть**

опыля́ться *несов.* 1. *см.* **опыли́ться**; 2. *страд.* гардолуд карда шудан

о́пыт *м* 1. таҷриба, малака, маҳорат; **жи́зненный (жите́йский)** ~ таҷрибаи зиндагӣ; **обме́н** ~**ом** мубодилаи таҷриба 2. *филос.* таҷриба 3. озмоиш, санҷиш, омузиш; **поста́вить** ~ озмудан, санҷидан 4. кушиш, иқдом; **пе́рвый литерату́рный** ~ аввалин иқдоми адабӣ ◇ **по [своему́] го́рькому** ~**у, го́рьким** ~**ом** аз рӯи таҷрибаи талхи худ; **узна́ть что́-л. на го́рьком** ~**е** чизеро аз таҷрибаи талхи худ фаҳмидан (донистан)

о́пытник *м* таҷрибакор, озмоишкор, миришкор

о́пытническ||ий, -ая, -ое таҷрибавӣ, ...и таҷрибакори, ...и озмоишкорӣ; ~**ая рабо́та** кори таҷрибавӣ

о́пытничество *с* таҷрибакорӣ, озмоишкорӣ

о́пытно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «таҷриба», «озмоиш»:* **о́пытно-нау́чный** илмии таҷрибавӣ

о́пытно-нау́чный, -ая, -ое илмии таҷрибавӣ

о́пытно-показа́тельный, -ая, -ое таҷрибавии намунавӣ

о́пытно-произво́дственный, -ая, -ое таҷрибавии истеҳсолӣ

о́пытно-статисти́ческий, -ая, -ое таҷрибавии статистикӣ

о́пытность *ж* таҷрибанокӣ, ботаҷрибагӣ, маҳорат; ~ **врача́** маҳорати духтур

о́пытн||ый, -ая, -ое (о́пыт|ен, -на, -но) 1. ботаҷриба, корозмуда, бомаҳорат, моҳир, бонстеъдод; ~**ый врач** духтури моҳир; **он челове́к** ~**ый** у одами кордида аст 2. *(о слухе, зрении)* тез, гузаро, ҳассос, дақиқ; ~**ый взгляд** нигоҳи тез 3. *тк. полн. ф.* таҷрибавӣ, ...и таҷриба; ~**ая сельскохозя́йственная ста́нция** станцияи таҷрибавии хоҷагии қишлоқ // *(пробный)* озмоишӣ; ~**ый полёт** парвози озмоишӣ 4. *тк. полн. ф.* таҷрибавӣ, озмоишӣ; ~**ым путём** бо роҳи озмоиш

опьяне́лый, -ая, -ое *разг.* 1. мастшуда, сархушшуда 2. *перен.* баваҷдомада, нашъадор, масту мадҳуш; ~ **от ра́дости** ғарқи шодӣ

опьяне́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **опьяне́ть**) мастшавӣ 2. *перен.* ваҷд, шодӣ, бехудӣ

опьяне́ть *сов.* 1. маст шудан 2. *перен.* ба ваҷд омадан, нашъадор шудан, масту мадҳуш шудан; ~ **от сча́стья** аз хушбахтӣ ба ваҷд омадан

опьяни́ть *сов. кого* 1. маст кардан 2. *перен.* ба ваҷд овардан, ба хуруҷ овардан

опьяня́ть *несов. см.* **опьяни́ть**

опя́ть *нареч.* 1. боз, аз дигар, аз нав, аз сари нав, дубора 2. *прост.* ғайр аз он, илова бар он, инчунин ◇

~-таки 1) *то же, что* опять 1; 2) *то же, что* опять 2

орава *ж разг.* издиҳом, тӯда, даста, гурӯҳ, анбӯҳ; ~ **ребят** як туда бачаҳо

оракул *м* 1. *ист.* каромотхони коҳинон 2. *перен. книжн.* паёмвар 3. *уст.* фолнома

орало *с уст. (соха)* поза, омоч, испор

орангутан, орангутанг *м* орангутан, орангутанг *(маймуни калони одамшакли ҷазираҳои Суматра ва Калимантан)*

оранжевый, -ая, -ое норанҷӣ, зарди сурхтоб; ~ **цвет** ранги норанҷӣ

оранжерейн||ый, -ая, -ое ...и гармхона, ...и кучатхона, гармхонагӣ, кучатхонагӣ; ~**ые рамы** чорчубаҳои гармхона; ~**ое растение** 1) растании гармхонагӣ 2) *перен.* эрка, нозпарвард

оранжерея *ж* гармхона, гулхона

оранье *с (по знач. гл.* **орать** 1) аррос (дод) задан(и)

оратай *м уст. (пахарь)* барзгар, кишоварз

оратор *м* нотиқ, суханвар, суханоро, суханпардоз; **блестящий** ~ нотиқи забардаст

оратория *ж* оратория *(асари калони мусиқӣ)*

ораторск||ий, -ая, -ое ...и нотиқ, ...и суханварӣ; ~**ое искусство** маҳорати суханварӣ

ораторство *с разг.* нотиқӣ, суханварӣ, суханпардозӣ

ораторствовать *несов. разг. ирон.* суханпардозӣ (маҳмаддоной) кардан

орать I *несов. разг.* 1. аррос (дод) задан, доду фарьёд кардан; ~ **во всё горло (во всю глотку** *прост.*) гулу дарронда дод задан // *(громко плакать)* ғаш кардан 2. *на кого (бранить)* дуғ задан 3. *что и без доп. (громко петь)* гулу дарронда сароидан ◇ ~ **благим матом** *прост.* гулу даррондан

орать II *несов. что уст. и обл. (пахать)* шудгор кардан, замин рондан

орбита *ж* 1. *астр.* мадор; ~ **Земли** мадори Замин 2. *перен. книжн.* доира; ~ **влияния** доираи нуфуз 3. *анат.* хонаи чашм, косаи (косахонаи) чашм

орбитальн||ый, -ая, -ое ...и мадор, мадорӣ; ~**ая космическая лаборатория** лабораторияи кайҳонии мадорӣ; ~**ая станция** станцияи мадорӣ; ~**ый полёт** парвози мадорӣ

орбитный, -ая, -ое ...и мадор

орг- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ташкилӣ», «ташкилотӣ»:* **оргкомитет** комитети ташкилӣ

орган *м* 1. олат, аъзо, узв; ~**ы** слуха узвҳои сомеа; ~**ы речи** узвҳои нутқ; ~**ы чувств** узвҳои эҳсос 2. *перен. (средство)* восита, васила 3. идора, ташкилот, муассиса; ~**ы здравоохранения** идораҳои нигаҳдории тандурустӣ 4. орган; **печатный** ~ органи нашр

орган *м муз.* арғунун

организатор *м* ташкилотчӣ, ташкилкунанда

организаторский, -ая, -ое ...и ташкилотчӣ, ...и ташкилотчигӣ; ~ **талант** истеъдоди ташкилотчигӣ

организационно-технический, -ая, -ое ташкилию техникӣ

организационно-хозяйственный, -ая, -ое ташкилию хоҷагӣ

организационн||ый, -ая, -ое ташкилӣ, ташкилотӣ; ~**ая работа** кори ташкилӣ; ~**ый комитет** комитети ташкилӣ; ~**ые расходы** хароҷоти корҳои ташкилӣ

организация *ж* 1. *(по знач. гл.* **организовать** *и* **организоваться**) ташкил, таъсис; барпо кардан(и); барпо гаштан(и); ~ **клуба** ташкили клуб; **правильная** ~ **труда** ташкили дурусти меҳнат 2. *см.* **организованность**; 3. сохт, тарз, усул, тартиб; **социалистическая** ~ **народного хозяйства** сохти социалистии хоҷагии халқ 4. сиришт, табиат, фитрат; **у него слабая** ~ сиришти у суст аст 5. ташкилот, муассиса; **профсоюзная** ~ ташкилоти иттифоқи касаба; **Организация Объединённых Наций** Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид

организм *м* 1. организм; **животный** ~ организми ҳайвон; **растительный** ~ организми растанӣ 2. сиришт, табиат, бадан, организм 3. сохт; **общественный** ~ сохти ҷамъиятӣ

организованно *нареч.* муташаккилона, мураттабона, муназзамона

организованность *ж* 1. муташаккилӣ, мураттабӣ, муназзамӣ; ~ **действий** муташаккилии амалиёт 2. *(сплочённость)* якҷоягӣ, муттаҳидӣ

организованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ташкил (таъсис) кардашуда 2. *прил.* (организован, -на, -но) муташаккил(она), батартиб, мураттаб, муназзам; ~**ые действия** амалиёти муташаккилона; **в** ~**ом порядке** батартиб 3. *прил.* (организован, -на, -но) якҷоя, муттаҳид, муттафиқ(она); ~**ыми усилиями** бо ҷидду ҷаҳди муттафиқона 4. *прил.* (организован, -на, -но) боинтизом; ботартиб; ~**ый человек** одами боинтизом

организовать *сов., несов.* 1. *что* ташкил (таъсис) кардан, ташкил додан, барпо кардан, ба вуҷуд овардан; ~ **колхоз** колхоз ташкил кардан 2. *что* таҳия намудан, тайёр (ташкил) кардан; ~ **экспедицию** экспедиция ташкил кардан 3. *перен. прост.* ёфтан, ба даст овардан, пайдо кардан 4. *кого-что* муттаҳид (муттафиқ, муташаккил) кардан; ~ **массы** оммаро муташаккил кардан 5. *что* ба тартиб овардан, мураттаб кардан; ~ **своё время** вақти худро ба тартиб овардан

организоваться 1. *сов., несов.* ташкил (таъсис) шудан, барпо гаштан 2. *сов., несов.* муттаҳид (муттафиқ) шудан 3. *несов. страд.* ташкил карда шудан

организовывать(ся) *несов. см.* **организовать(ся)**

органик *м* органик, мутахассиси соҳаи химияи органикӣ

органика *ж разг.* органика, химияи органикӣ

органист *м* арғунуннавоз

органически *нареч.* сидқан, тамоман, бағоят; ~ **не выносить кого-л.** тобу тоқати дидани касеро надоштан

органическ||ий I, -ая, -ое органикӣ; ~**ая жизнь** ҳаёти органикӣ; ~**ие вещества** моддаҳои органикӣ; ~**ие остатки** боқимондаҳои органикӣ; ~**ие удобрения** нуриҳои органикӣ; ~**ая химия** химияи органикӣ

органическ||ий II, -ая, -ое 1. *мед.* ҷибиллӣ, модарзодӣ, табиӣ; ~**ий порок сердца** иллати модарзодии дил; ~**ое заболевание** беморин модарзодӣ 2. *перен.* табиӣ, фитрӣ, аслӣ; узвӣ; ~**ое единство теории и практики** ягонагии узвии назария ва амалия; ~**ий недостаток** нуқсони фитрӣ 3. сидқӣ; ~**ое отвращение** нафрати сидқӣ

органичность *ж* табиатан хос будан(и)

органичный, -ая, -ое (органичен, -на, -но) табиатан (ботинан) хос

органн||ый, -ая, -ое ...и арғунун, арғунунӣ; ~**ая труба** карнаи арғунун; ~**ая музыка** мусиқии арғунунӣ

органчик *м уменьш. к* **орган**

оргбюро *с нескл.* бюрои ташкилӣ

оргвопрос *м* масъалаи ташкилӣ

оргвывод *м* хулосаи маъмурӣ

оргия||я *ж* 1. *ист.* ишрат *(маросими диниест, ки дар иди баъзе худоёни Шарқи Қадим, Юнони Қадим ва Рими Қадим бар по мегардид ва одатан аз нушонушиҳои беҳад иборат буд)*; 2. *перен.* айшу тараб, айшу ишрат, кайфу сафо; **устраивать** ~**и** айшу ишрат кардан

оргкомитет *м* комитети ташкилӣ

оргработа *ж* кори ташкилӣ

орда *ж* 1. *ист.* урда *(номи давлат, иттиҳоди қабилаҳо ва қароргоҳи хони тотору муғулҳо)*; **Золотая** ~ Олтин-урда // ӯрду, урда *(қушуни тотору муғулҳо)*; 2. *перен. с опред.* ӯрду, қушунҳои яғмогар; **фашистские орды** урдуҳои фашистӣ, қушуни яғмогари фашистҳо 3. *перен.* туда, издиҳом, анбӯҳ

орден *м* 1. орден, нишон; ~ **Красного Знамени** ордени Байрақи Сурх; **кавалер** ~**а** ордендор 2. *ист.* силк, зумра, ҳалқа; ~ **иезуитов** силки иезуитҳо // *(сообщество и т. п.)* иттиҳод; **масонский** ~ иттиҳоди масонӣ 3. *см.* **ордер** 2

орденоносец *м* ордендор; **колхоз**-~ колхози ордендор

орденоносный, -ая, -ое ордендор; ~ **театр** театри ордендор

орденск||ий, -ая, -ое ...и орден; ~**ая лента** тасмаи орден

ордер *м* 1. ордер, фармон, амри хаттӣ; ~ **на арест** ордери ҳабс; **кассовый** ~ *бухг.* ордери касса; 2. *архит.* сутун

ординар *м спец.* ординар *(сатҳи*

миёнаи оби дарьё, ҳавз, кул, халиҷ ва г. дар муддати якчанд сол)

ординарец *м воен.* ординарец

ординарность *ж книжн.* оддӣ (муқаррарӣ) будан(и)

ординарный, -ая, -ое (ординар|ен, -на, -но) 1. *книжн.* оддӣ, муқаррарӣ 2. *тк. полн. ф. уст. (штатный)* ординарӣ, штатӣ

ордината *ж мат.* ордината *(яке аз се координатае, ки мавқеи нуқтаро дар фазо муайян мекунад)*

ординатор *м* ординатор *(духтури беморхона, ки таҳти роҳбарии мудири шуъба кор мекунад)*

ординаторск||ий, -ая, -ое 1. ...и ординатор; **~ая должность** вазифаи ординатор 2. *в знач. сущ.* **ординаторская** *ж* хонаи ординаторҳо

ординатура *ж* ординатура (1. *навъи аспирантураи тиббӣ* 2. *вазифаи ординатор* 3. *уст. вазифаи профессори ординарӣ)*

ордынец *м ист.* урдачӣ

ордынский, -ая, -ое *ист.* ...и урда

орёл *м* 1. уқоб; **горный ~** уқоби кӯҳӣ 2. *перен.* лочин, марди майдон, шерамард, далер, диловар; **смотреть орлом** далерона нигоҳ кардан ◇ **двуглавый ~** уқоби дусара; **~ или решка?** пешаш ё пушташ?; *см.* **орлянка**

ореол *м* 1. хиргоҳ; **~ вокруг Луны** хиргоҳи моҳ 2. *(нимб)* ҳола 3. *перен.* фар, партав; **в ~е славы** дар партави шуҳрат

орех *м* 1. ҷавз, чормағз; **грецкие ~и** чормағз; **кедровые ~и** ҷалғуза; **кокосовый ~** ҷавзи ҳиндӣ, норгил; **лесные ~и** финдиқ; **миндальный ~** бодом; **мускатный ~** ҷавзи бавво (бӯё) 2. *(дерево)* дарахти чормағз; *(древесина)* чуби дарахти чормағз ◇ **земляной ~** финдиқи заминӣ; **будет (достанется) на ~и** *кому* ҷазояшро мебинад; **разделать (отделать) под ~** *кого* 1) сахт танбеҳ додан, сарзаниш кардан 2) дастболо шудан

ореховка *ж зоол.* ардич

орехов||ый, -ая, -ое 1. ...и чормағз, чормағзӣ; **~ое дерево** дарахти чормағз; **~ое масло** равғани чормағз 2. ...и чуби чормағз; **~ая мебель** мебели чӯбн чормағз 3. *в знач. сущ.* **ореховые** *мн. бот.* чормағзиҳо

орешек *м уменьш. к* **орех** 1; **кедровые ~ки** донаки ҷалғуза ◇ **крепкий (твёрдый) ~ек** чизи (кори) дандоншикан; одами маҳкам (мустаҳкам)

орешина *ж обл. см.* **орешник** 1

орешник *м* 1. *(кустарник)* финдиқ 2. *(лесок)* финдиқзор

орешниковый, -ая, -ое ...и финдиқ

оригинал *м* 1. нусхаи (матни) асл; **~ картины** нусхаи асли сурат 2. *разг.* одами ғалатӣ, турфа одаме; **он большой ~** у турфа одамест

оригиналка *женск. к* **оригинал** 2

оригинальничанье *с (по знач. гл.* **оригинальничать)** худдонамӣ кардан(и)

оригинальничать *несов. разг.* худдонамӣ кардан

оригинально *нареч.* аҷиб, аҷибу ғариб, ғалатӣ; **~ одеваться** пӯшоки аҷибу ғариб пушидан

оригинальность *ж* 1. оригиналӣ (аслӣ) будан(и), аслият 2. мумтоз (нодир, бесобиқа) будан(и); **~ замысла** бесобиқа будани фикр (ният) 3. *(необычность, странность)* ғалатӣ (аҷибу ғариб) будан(и)

оригинальн||ый, -ая, -ое (оригина|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* оригиналӣ, аслӣ, ҳақиқӣ; **~ые рукописи поэта** дастнависи аслии шоир 2. мумтоз, нодир, бесобиқа, бемисл, **~ый мыслитель** мутафаккири мумтоз 3. *(необычный, странный)* аҷиб, аҷибу ғариб, ғалатӣ

ориенталист *м* шарқшинос, ховаршинос

ориенталистика *ж* шарқшиносӣ, ховаршиносӣ

ориентальный, -ая, -ое шарқӣ, ховарӣ, машриқӣ; **~ стиль** услуби шарқӣ

ориентация *ж* 1. ҷои исти худро муайян кардан(и); **~ на местности** ҷои исти худро дар маҳалле муайян кардан(и) 2. *перен.* шиносоӣ, хабар доштан(и); **хорошая ~ в современной литературе** аз адабиёти муосир нағз хабардор будан(и) 3. *перен. (направленность)* тамоюл, руӣварӣ, равона кардан(и), дар назар доштан(и), тавҷеҳ

ориентир *м* нишона, аломат

ориентирный, -ая, -ое нишонадор, аломатдор

ориентирование *с (по знач. гл.* **ориентировать)** нишон додан(и), балад кардан(и); *(по знач. гл.* **ориентироваться** 1, 2) мавқеи худро муайян кардан(и)

ориентированность *ж* хабардор (ҳолдон, шиносо) будан(и)

ориентированный, -ая, -ое 1. *прич.* нигарондашуда 2. *прил.* хабардор, ҳолдон, шиносо, балад, донанда, воқиф

ориентировать *сов., несов. кого-что* 1. муайян (равона) кардан 2. *в чём перен.* хабардор кардан, фаҳмондан; **~ кого-л. в обстановке** касеро бо вазъият шинос кардан 3. *на кого-что перен.* вазифаро (мақсадеро) нишон додан

ориентироваться *сов., несов.* 1. мавқеи худро муайян кардан; **~ по звёздам** аз руи ситораҳо самт гирифтан; **~ в лесу** дар ҷангал роҳ ёфтан 2. *в чём перен.* сарфаҳм рафтан, донистан, фаҳмидан; **~ в создавшейся обстановке** ба вазъияти ҷорӣ сарфаҳм рафтан 3. *на кого-что перен.* дар назар доштан; **~ на квалифицированного рабочего** коргари ихтисоснокро дар назар доштан 4. *тк. несов.* нишон дода (балад карда) шудан

ориентировка *ж см.* **ориентация**

ориентировочно *нареч.* тахминан, тақрибан, қариб

ориентировочн||ый, -ая, -ое 1. ...и раҳнамо; **~ый полёт** парвози раҳнамо 2. тахминӣ, тақрибӣ, пешакӣ; **по ~ому подсчёту** аз руи ҳисоби тахминӣ

оркестр *м* оркестр (1. *асбобҳои мусиқӣ ва дастаи созандагон* 2. *чуқурии пеши саҳна, ҷои нишасти мусиқинавозон)*

оркестрант *м* оркестрант, навозанда, созанда

оркестрантка *женск. к* **оркестрант**

оркестрование *с см.* **оркестровка**

оркестровать *сов., несов. что* оркестронидан, партитура кардан, ба навозиши оркестр мутобиқ кардан

оркестроваться *несов. страд.* оркестронида шудан

оркестровка *ж (по знач. гл.* **оркестровать)** оркестронидан(и), партитура кардан(и)

оркестров||ый, -ая, -ое ...и оркестр, оркестрӣ; **~ая музыка** мусиқии оркестрӣ; **~ая партия** навозиши оркестр

орлан *м* уқоби баҳрӣ

орлёнок *м* уқобча, чуҷаи уқоб

орлец *м разг. см.* **родонит**

орлик *м* 1. *уменьш. к* **орёл**; 2. *бот.* тоҷимулух, чилладору

орлин||ый, -ая, -ое 1. ...и уқоб, уқобӣ; **~ое гнездо** ошёнаи уқоб 2. *перен.* тез; **~ый взгляд** нигоҳи тез ◇ **~ый нос** уқоббинӣ

орлица *ж* уқоби мода, мокиёни уқоб

орлянка *ж* пешаш ё пушташ? *(як навъ қиморбозӣ мебошад, ки танга партофта мувофиқи ба кадом тараф афтидани танга мебаранд ё бой медиҳанд)*

орнамент *м* нақш, гул, гулбурӣ, нақшу нигор; **старинный русский ~** нақшу нигори қадимии русӣ

орнаментальн||ый, -ая, -ое 1. ...и нақшу нигор; **~ые работы** нақкошӣ 2. *лит.* пуршукуҳ, пурдабдаба, бокаррувфар; **~ый стиль** услуби пурдабдаба

орнаментация *ж* 1. *(по знач. гл.* **орнаментировать)** нақшу нигор кардан(и) 2. услуби нақшу нигор

орнаментика *ж см.* **орнаментация** 2

орнаментирование *с см.* **орнаментация** 1

орнаментировать *сов., несов. что* нақшу нигор кардан

орнаментироваться *несов. страд.* нақшу нигор карда шудан

орнаментировка *ж см.* **орнаментация**

орнаментн||ый, -ая, -ое ...и нақшу нигор; **~ая роспись стен** нақшу нигори деворҳо

орнаментовать(ся) *сов., несов. см.* **орнаментировать(ся)**

орнаментовка *ж см.* **орнаментировка**

орнитолог *м* орнитолог, мутахассиси орнитология, паррандашинос

орнитологический, -ая, -ое ...и орнитология, орнитологӣ, ...и паррандашиносӣ

орнитология *ж* орнитология, паррандашиносӣ *(қисми зоология, ки паррандаҳоро меомӯзад)*

оробе́ло *нареч. разг.* ҳаросон, тарсон, кебида-кебида, тарсида-тарсида

оробе́лый, ая, -ое *разг.* ҳаросида, тарсида, кебида

оробе́ть *сов. разг.* ҳаросон шудан, тарсидан, кебидан

орогене́з, орогене́зис *м геол.* орогенез, кӯҳпайдошавӣ

ороговéлый, -ая. -ое хушкшуда, шахшулшуда *(оид ба пусти бадан)*

ороговéние *с* (*по знач. гл.* **ороговéть**) хушкшавӣ, шахшулшавӣ, сахтшавӣ; ~ **кóжи** шахшулшавии пуст

ороговé||ть *сов.* хушк (шахшул) шудан, сангобак шудан *(оид ба пусти бадан)*; **кóжа на подóшвах** ~**ла** таги пой сангобак шудааст

орографи́ческий, -ая, -ое *геогр.* ...и орография, орографӣ

орогра́фия *ж* орография (*қисми географияи табиӣ, ки рельефро меомӯзад*)

óрокн *мн.* орокҳо *(халқият, ки дар Сахалин маскан дорад)*

ороси́тель *м* канали обьёрӣ

ороси́тельный, -ая, -ое ...и обьёрӣ, ...и обмонӣ; ~ **канал** канали обьёрӣ

ороси́||ть *сов. что* 1. тар кардан, обшор (шодоб) кардан; **дождь** ~**л поля́** борон саҳроҳоро обшор кард 2. обьёрӣ кардан, об баровардан, об додан; ~**ть стéпи** даштҳоро обьёрӣ кардан 3. *мед.* дорушуӣ кардан

ороси́||ться *сов.* тар (нам) шудан, обшор (шодоб) шудан, об хурдан; **поля** ~**лись дождём** киштзорҳо аз борон шодоб шуданд

ороша́ть *несов. см.* **ороси́ть**

ороша́ться *несов.* 1. *см.* **ороси́ться**; 2. *страд.* обьёрӣ карда шудан

орошéние *с* (*по знач. гл.* **ороси́ть**) обьёрӣ, оббарорӣ, обдиҳӣ; ~ **засýшливых земéль** обьёрӣ кардани замини камоб; **искýсственное** ~ обьёрии сунъӣ

óрочи *мн.* орочҳо *(ҳалқият, ки дар кишвари Хабаровск маскан дорад)*

ортодóкс *м книжн.* муътакид, эътиқодманд

ортодокса́льность *ж книжн.* эътиқодмандӣ

ортодокса́льный, -ая, -ое (ортодокса́|лен, -льна, -льно) *книжн.* муътақид, эътиқодманд

ортодóксия *ж книжн.* эътиқодмандӣ

ортопéд *м* ортопед, мутахассиси ортопедия

ортопеди́ческ||ий, -ая, -ое ...и ортопедия, ортопедӣ; ~**ая óбувь** пойафзоли ортопедӣ

ортопéдия *ж* ортопедия (*соҳаи илми тиб, ки каҷии аррапушт, устухонҳои бадан ва дасту пойро табобат мекунад*)

орýдие *с* 1. олат, асбоб, афзол; **сельскохозя́йственные орýдия** олоти деҳқонӣ; ~ **труда́** олати меҳнат 2. *перен.* восита, васила; **язы́к** — ~ **общéния** забон воситаи муошират аст 3. *воен.* тӯп, занбурак; **артиллери́йское** ~ тӯп; **дальнобóйное** ~ тупи дурзан ◇ **быть [слепы́м]** ~**м в рука́х когó-л.** олати (бозичаи) дасти касе будан

орýди́йный, -ая, -ое ...и тӯп; ~ **расчёт** нафароти тӯп; ~ **огóнь** тӯпаррони

орýдовать *несов. разг.* 1. *чем* ба кор бурдан, ба кор андохтан, кор фармудан, истифода кардан; ~ **пилóй** арраро кор фармудан // *перен.* (*хозяйничать*) идора (ҳукмфармоӣ) кардан 2. *неодобр.* бадаъмолӣ (бадкирдорӣ) кардан; **здесь орýдует враг** дар ин ҷо душман бадкирдорӣ мекунад

оружéйник *м* яроқсоз, силоҳсоз

оружéйный, -ая, -ое ...и яроқ, ...и силоҳ, ...и аслиҳа; ~ **завóд** заводи яроқсозӣ; ~ **ма́стер [устóй]** яроқсоз; ~ **склад** қурхона

оруженóсец *м* 1. *ист.* яроқбардор, силоҳбардор, силоҳдор 2. *перен.* (*приспешник*) мурид, мухлис, банда, гулом

орýжи||е *с* 1. яроқ, силоҳ, аслиҳа; **огнестрéльное** ~**е** яроқи тирандозӣ; **холóдное** ~**е** яроқи беоташ (*теғ, ханҷар ва ғ.*); **род** ~**я** навъи яроқ 2. *перен.* восита, васила; **печать** — **могýчее** ~**е** матбуот аслиҳаи тавоноест ◇ **взя́ться за** ~**е** яроқ ба даст гирифтан; **призва́ть к** ~**ю** ба мусаллаҳшавӣ даъват кардан; **сложи́ть (брóсить)** ~**е** таслим шудан

орфéй *м* орфей (1.— *О прописное — дар асотири Юнони Қадим — ҳофизе, ки бо сурудҳои худ дарахтон ва харсангҳоро ба ҳаракат оварда, ҳайвоноти ваҳширо ром мекардааст* 2. *ҳофизи хушовоз*)

орфографи́ческ||ий, -ая, -ое ...и имло; ~**ие пра́вила** қоидаҳои имло; ~**ий слова́рь** луғати имло

орфогра́фия *ж* имло; **таджи́кская** ~ имлои тоҷикӣ; **у негó хромáет** ~ *разг.* ӯ дар имло мелангад

орфоэпи́ческ||ий, -ая, -ое *лингв.* ...и орфоэпия; ~**ие нóрмы рýсского литератýрного языка́** нормаҳои орфоэпияи забони адабии рус

орфоэ́пия *ж* орфоэпия (*қоидаҳои талаффузи дуруст*)

орхидéя *ж бот.* саҳлаб, суҳлаб

орша́д *м* оршад, шарбати бодом

оря́сина *ж прост.* 1. калтак 2. (*о человеке*) хода (*одами дарози қоқ*)

оса́ *ж* ору

оса́да *ж* муҳосира, иҳота; ~ **гóрода** муҳосираи шаҳр

осади́||ть I *сов.* 1. *что* муҳосира (иҳота) кардан, печонда гирифтан; ~**ть крéпость** қалъаро муҳосира кардан // *кого-что перен. разг.* миёнагир кардан; **толпа** ~**ла здание** издиҳом биноро миёнагир кард 2. *кого-что чем разг.* безор кардан, ба ҷои расондан, аз ҷон сер кардан; ~**ть прóсьбами** бо илтимосу илтиҷо безор кардан

осади́ть II *сов. что* 1. фуру нишондан; ~ **сва́ю** сутунро фуру нишондан 2. (*муть и т. п.*) таҳшин (таҳнишин) кунондан

осади́ть III *сов. кого-что* 1. лаҷом кашидан; ~ **коня́** лаҷоми аспро кашидан 2. ақиб рондан (нишондан); ~ **толпý** издиҳомро ақиб рондан 3. *перен.* лаҷоми *касеро* кашида мондан, даҳани *касеро* бастан; ~ **наха́ла** лаҷоми марди беҳаёро кашида мондан

оса́дка *ж* 1. (*по знач. гл.* **осéсть** 1) нишастан(и), фурунишинӣ, чукидан(и); ~ **пóчвы** фурунишинии хок 2. *мор.* нишасти киштӣ (*дараҷаи ба об ғутида истодани киштӣ*)

оса́дн||ый, -ая, -ое 1. ...и муҳосира, ...и иҳота; ~**ое положéние** вазъияти муҳосира 2. қалъакуб, қалъагир, қалъашикан; ~**ая артиллéрия** тупҳои қалъакӯб

оса́д||ок *м* 1. таҳшин, таҳнишин, нишаста, дурда; ~**ок в масле** таҳшини равған 2. *перен.* губор, дилсиёҳӣ, дарду алам 3. *чаще мн.* **оса́дки** *геол.* қабатҳои таҳшинӣ 4. *мн.* **оса́дки** *метео* бориш, барфу борон; **коли́чество атмосфéрных** ~**ков** миқдори бориш

оса́дочн||ый, -ая, -ое 1. ...и таҳшин, ...и дурда; ~**ый слой** қабати таҳшин 2. *геол.* таҳшинӣ; ~**ые гóрные пóроды** ҷинсҳои таҳшинӣ 3. ...и таҳшинкунӣ, ...и таҳшинкунак

осажда́ть I *несов. см.* **осади́ть** I

осажда́ть II *несов. см.* **осади́ть** II 2

осажда́ться I *несов. страд.* муҳосира (иҳота) карда шудан

осажда́ться II *несов.* 1. (*оседать*) таҳшин (таҳнишин) шудан 2. (*об атмосферных осадках*) боридан 3. *страд.* таҳшин (таҳнишин) кунонда шудан

осаждéние *с* (*по знач. гл.* **осади́ть** II) таҳшин (таҳнишин) кунондан(и); (*по знач. гл.* **осажда́ться** II 1, 2) таҳшин (таҳнишин) шудан(и); ~ **сóли** таҳнишинкунии намак; таҳшиншавии намак

оса́живание *с* (*по знач. гл.* **осади́ть** III) лаҷом кашидан(и)

оса́живать I *несов. см.* **осади́ть** II 1

оса́живать II *несов. см.* **осади́ть** III

оса́живаться *несов. страд.* лаҷом кашида шудан

оса́нистость *ж* босалобат (босавлат) будан(и)

оса́нистый, -ая, -ое (оса́нист, -а, -о) босалобат, босавлат

оса́нка *ж* андом, қомат

оса́нн||а *ж церк.* ҳошаъно, алҳамдулиллоҳ ◇ **петь** ~**у комý-л.** *уст. книжн.* ба касе сано хондан

осатанéлый, -ая, -ое *разг.* девона, ҷиннӣ, аз қаҳр ҷиннишуда, аз хашм девонашуда

осатанéть *сов. разг.* 1. (*озвереть*) девона (ҷиннӣ) шудан, аз хашм девона шудан 2. *кому прост.* (*опротиветь*) безор кардан, ба дил задан, ба ҷон расондан

осва́ивание *с см.* **освоéние**

осва́ивать *несов. см.* **осво́ить**

осва́иваться *несов.* 1. *см.* **осво́иться**; 2. *страд.* аз худ карда шудан; ба кор даровардa шудан

осведоми́тель *м* хабаркаш

осведоми́тельница *женск. к* **осведоми́тель**

освéдомить *сов. кого-что* хабардор кардан, дарак додан

освéдомиться *сов. о чём* пурсидан,

пурсуҷу (пурсуков, пурсупос, суроғ) кардан; ~ о здоровье саломатиро пурсидан

осведомле́ние *с* (*по знач. гл.* **осве́домить**) хабардор кардан(и), даракдиҳӣ; (*по знач. гл.* **осве́домиться**) пурсиш, пурсидан(и), пурсуҷу (пурсуков) кардан(и)

осведомлённость *ж* бохабарӣ, вуқуф, воқиф будан(и)

осведомлённый, -ая, -ое 1. *прич.* хабардор кардашуда 2. *прил.* хабардор, огоҳ, воқиф, балад

осведомля́ть *несов. см.* **осве́домить**

осведомля́ться *несов.* 1. *см.* **осве́домиться;** 2. *страд.* дарак дода шудан

освежа́ть *несов. см.* **освежи́ть**

освежа́ться *несов.* 1. *см.* **освежи́ться;** 2. *страд.* тоза карда шудан

освежева́ть *сов. кого-что* саллохӣ кардан, пӯст кандан, аз пуст ҷудо кардан; ~ **медве́дя** хирсро пуст кандан

освежи́тельный, -ая, -ое (освежи́те|лен, -льна, -льно) тароватбахш, серун, руҳбахш, руҳафзо; ~ **ветеро́к** насими серун; ~ **сон** хоби рӯҳафзо

освежи́||ть *сов.* 1. *что* тароват бахшидан, тоза (тару тоза, серун) кардан; **дождь** ~**л во́здух** борон ҳаворо тоза кард; ~**ть лицо́ одеколо́ном** ба рӯй атр пошидан 2. *кого-что* қувват бахшидан; **сон** ~**л его́** хоб ба у қуввати нав бахшид 3. *что* ба хотир (ба ёд) овардан; ~**ть воспомина́ния де́тства** айёми бачагиро ба хотир овардан

освежи́||ться *сов.* 1. тароват гирифтан, тоза (тару тоза, серун) шудан; **по́сле дождя́ во́здух** ~**лся** баъди борон ҳаво тоза шуд 2. қувват гирифтан; **поезжа́йте, отдохни́те,** ~**тесь** равед, истироҳат кунед, қувват гиред 3. ба хотир (ба ёд) омадан

освети́тель *м* танвиргар, танвиркор

освети́тельн||ый, -ая, -ое танвирӣ, равшанкунанда, ...и нурафкан; ~**ая сеть** шабакаи чароғи электрикӣ; ~**ые прибо́ры** асбобҳои нурафкан

освети́||ть *сов.* 1. *кого-что* равшан (мунаввар) кардан; ~**ть фонарём доро́гу** роҳро бо фонус равшан кардан // электриконидан, чароғ гузарондан (кардан); ~**ть окраи́ны электри́чеством** гушаю канорҳоро электриконидан // *кого-что перен.* хушҳол (рӯҳбаланд) кардан, руҳ бахшидан, пурнур кардан; **ра́дость** ~**ла её лицо** аз шодӣ чеҳраи у пурнур шуд 2. *что перен.* баён кардан, тавзеҳ (шарҳ) додан; ~**ть положе́ние де́ла** вазъияти корро тавзеҳ додан

освети́||ться *сов.* равшан (мунаввар) гаштан; **ко́мната** ~**лась со́лнечными луча́ми** хона аз шуълаи офтоб мунаввар гашт // *перен.* (*о лице, взгляде*) хушҳол (руҳбаланд) шудан

осветли́ть *сов. что* 1. софкорӣ кардан, полудан 2. *лес.* каллак кардан

осветля́ть *несов. см.* **осветли́ть**

осветля́ться *несов. страд.* софкорӣ карда шудан

освеща́ть *несов. см.* **освети́ть**

освеща́||ться *несов.* 1. *см.* **освети́ться;** 2. *страд.* равшан карда шудан; баён карда шудан, тавзеҳ дода шудан; **вопро́с** ~**лся в печа́ти** масъала дар саҳифаҳои матбуот тавзеҳ дода шуда буд

освеще́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **освети́ть**) равшан (мунаввар) кардан(и); чароғон кардан(и); **у́личное** ~ чароғон кардани кучаҳо 2. рушноӣ, чароғ; **электри́ческое** ~ чароғи электрикӣ; **я́ркое** ~ рушноии баланд, чароғи равшан // *иск.* акс, инъикос, нур, тобиш; **контра́стное** ~ сояву рушноӣ 3. чароғ; **провести́ электри́ческое** ~ чароғи электрикӣ гузарондан 4. *перен.* тавзеҳ, шарҳ, таъбир, тафсир; **пра́вильное** ~ **вопро́са** тавзеҳи дурусти масъала

освещённост||ь *ж физ.* мунавварӣ; **едини́ца** ~**и** воҳиди мунавварӣ

освиде́тельствование *с* (*по знач. гл.* **освиде́тельствовать**) тафтиш, ташхис, муоина; ~ **больно́го** муоинаи бемор

освиде́тельствовать *сов. кого-что* тафтиш (ташхис, муоина) кардан; ~ **состоя́ние больно́го** вазъияти беморро муоина кардан

освинцева́ть *сов. что тех.* қӯрғошим (сурб) андудан

освинцо́вывать *несов. см.* **освинцева́ть**

освинцо́вываться *несов. страд.* қурғошим андуда шудан

освирепе́ть *сов. разг.* ба ғазаб омадан, бадқаҳр (бадҷаҳл, бадхашм) шудан

освиста́ть *сов. кого-что* ба боди ҳуштак додан; ~ **плохо́го актёра** актёри беҳунарро ба боди ҳуштак додан

осви́стывать *несов. см.* **освиста́ть**

освободи́тель *м* озодкунанда, озодибахш, наҷотдиҳанда, наҷотбахш

освободи́тельница *женск. к* **освободи́тель**

освободи́тельн||ый, -ая, -ое ...и озодкунӣ, озодкунанда, наҷотдиҳанда, озодибахш, наҷотбахш; ~**ая война** ҷанги озодибахш

освободи́ть *сов.* 1. *кого-что* озод кардан, раҳонидан, наҷот додан, сар додан; ~ **заключённого** маҳбусро озод кардан; ~ **го́род от врага** шаҳр о аз душман озод кардан 2. *кого-что* бар овардан, кушодан, яла (раҳо) кардан 3. *кого-что* халос кардан; ~ **от наказа́ния** аз ҷазо халос кардан 4. *кого-что* маъзул (бекор, холӣ) кардан; ~ **от рабо́ты** аз кор холӣ кардан 5. *что* холӣ кардан; ~ **шкаф** ҷевонро холӣ кардан; ~ **помеще́ние** биноро холӣ кардан

освободи́||ться *сов.* 1. озод (раҳо) шудан, наҷот ёфтан; ~**ться от ра́бства** аз банди асорат наҷот ёфтан 2. халос шудан; ~**ться от предрассу́дков** аз хурофот халос шудан 3. холӣ шудан; тоза (соф) шудан; **по́лка** ~**лась от книг** рафча аз китоб холӣ шуд; **помеще́ние** ~**лось** бино холӣ шуд; **не́бо** ~**лось от туч** осмон аз абр соф шуд

освобожда́ть *несов. см.* **освободи́ть**

освобожда́ться *несов.* 1. *см.* **освободи́ться;** 2. *страд.* озод карда шудан; холӣ карда шудан

освобожде́ние *с* (*по знач. гл.* **освободи́ть**) озод кардан(и), раҳонидан(и); (*по знач. гл.* **освободи́ться**) озод шудан(и), наҷот ёфтан(и); **досро́чное** ~ *юр.* пеш аз муҳлат озод кардан(и)

освобождённый, -ая, -ое *прич.* озод кардашуда, наҷот додашуда

освое́ние *с* (*по знач. гл.* **осво́ить**) аз худ кардан(и); бакордарорӣ, ба кор андохтан(и); ~ **но́вых земе́ль** ба кор андохтани заминҳои нав

осво́ить *сов. что* 1. аз худ кардан, ёд гирифтан, омухтан; ~ **но́вую профе́ссию** касбу кори навро ёд гирифтан; ~ **но́вые ме́тоды рабо́ты** усулҳои нави корро ёд гирифтан 2. обод (корам) кардан, ба кор андохтан; ~ **но́вые зе́мли** заминҳои навро ба кор андохтан

осво́иться *сов.* одат кардан, омӯхта шудан, ху гирифтан; ёд гирифтан; ~ **в го́роде** ба шаҳр одат кардан; ~ **с но́выми обя́занностями** вазифаҳои навро ёд гирифтан

освяти́ть *сов. что* 1. *рел.* табаррук гардондан, табаррукӣ кардан; ~ **во́ду** обро табаррукӣ кардан 2. *перен. книжн.* муқаддас (мукаррам) кардан

освяща́ть *несов. см.* **освяти́ть**

освяща́ться *несов. страд.* табаррук гардонда шудан

освяще́ние *с* (*по знач. гл.* **освяти́ть** 1) табаррукӣ кардан(и)

осе́вки *мн. обл.* таҳғалбер

осев||о́й, -а́я, -ое ...и тир, ...и меҳвар, меҳварӣ; ~**ая ли́ния** хати меҳварӣ

оседа́ние *с* (*по знач. гл.* **осе́сть**) фурӯнишинӣ; таҳшинӣ, таҳнишинӣ

оседа́ть *несов. см.* **осе́сть**

оседла́ть *сов.* 1. *кого* зин кардан (задан); ~ **ло́шадь** аспро зин кардан 2. *что разг.* савор шудан, нишастан 3. *кого пер н. разг.* ба худ тобеъ (мутеъ) гардондан, побанд (зердаст) кардан 4. *что воен.* забт (ишғол) кардан

осе́длость *ж* муқимӣ, мутаваттинӣ, сокинӣ

осёдлывать *несов. см.* **оседлать**

осёдлываться *несов. страд.* зин карда шудан

осе́дл||ый, -ая, -ое муқим, мутаваттин, сокин; ~**ое населе́ние** аҳолии муқим

осека́ться *несов. см.* **осе́чься**

осёл *м* 1. хар, маркаб 2. *перен. бран.* хар, нодон, аҳмақ, аблаҳ

оселе́дец *м уст.* кокул (*кокули дарозе, ки дар айёми қадим украиниҳо дар фарқи сар мемонданд*)

осело́к *м* 1. (*точильный камень*) санг, санги фасон 2. (*пробирный камень*) иёр 3. *перен.* санги маҳак

осемене́ние *с* (*по знач. гл.* **осемени́ть**) бордоркунӣ; (*по знач. гл.* **осемени́ться**) бордоршавӣ; **иску́сственное** ~ бордоркунии сунъӣ

осемени́ть *сов. кого-что биол.* бордор кардан (*ба тарзи сунъӣ*)

осеменять *несов. см.* **осеменить**

осеменяться *несов. страд.* бордор карда шудан

осені́||ть *сов. кого-что* 1. *уст. поэт.* панаҳ кардан, соя афкандан 2. *перен. уст.* *(охватить)* фаро гирифтан 3. аз хаёл (аз дил) гузаштан, ба хаёл (ба хотир) омадан; **его́ ～ла блестящая мысль** фикри аҷибе аз хаёлаш гузашт ◇ **～ть кре́стным зна́мением (крестом)** салиб кашидан

осени́ться *сов. уст.* бо соя пӯшонда шудан ◇ **～ кре́стным зна́мением (крестом)** салиб кашидан

осе́нне-зи́мний, -яя, -ее ...и тирамоҳу зимистон; **～ сезо́н** мавсими тирамоҳу зимистон

осе́нн||ий, -яя, -ее тирамоҳӣ, ...и тирамоҳ; **～яя пого́да** обу ҳавои тирамоҳ

о́сень *ж* тирамоҳ; **по́здняя ～** охирҳои тирамоҳ // *перен.* таназзул, хазон ◇ **золота́я ～** тирамоҳи заррин

о́сенью *нареч.* тирамоҳ, дар фасли тирамоҳ; **э́то бы́ло ～** ин дар фасли тирамоҳ буд; **глубо́кой ～** дар охири тирамоҳ

осенять *несов. см.* **осени́ть**

осеня́ться *несов.* 1. *см.* **осени́ться**; 2. *страд.* панаҳ карда шудан

осердить *сов. кого уст. и прост.* ба қаҳр овардан, оташин кардан

осерди́ться *сов. уст. и прост.* ба қаҳр омадан, оташин шудан

осеребри́||ть *сов.* 1. *что* нуқрафом (симандуд) кардан; **луна́ ～ла сад** шунаҳи моҳ боғро нуқрафом кард 2. *кого-что уст. разг.* *(одарить деньгами)* ба симу зар ғутондан

осеребри́||ться *сов.* нуқрафом (симандуд) шудан; **верши́ны гор ～лись лу́нным све́том** қуллаҳои кӯҳ аз шунаҳи моҳ нуқрафом гаштанд

осерча́ть *сов. прост.* қаҳр кардан, оташин шудан

осе́||сть *сов.* 1. фурӯ рафтан, шиштан, нишастан, фуру нишастан, чукидан; **фунда́мент ～л** таҳкурсӣ фуру нишаст // *(медленно опуститься, упасть)* нишаста мондан; **медве́дь взреве́л и тут же ～л на зе́млю** хирс наъра заду ба замин нишаста монд 2. фуру нишастан, паст шудан; **пыль ～ла** чангу ғубор фуру нишаст 3. *(выделиться из раствора)* таҳшин (таҳнишин, дурда) шудан 4. муқим (сокин) шудан; **～сть на Се́вере** сокини Шимол шудан

осети́н *м* осетин

осети́нка *ж* осетинзан, осетиндухтар, зани (духтари) осетин

осети́нский, -ая, -ое ...и осетин, ...и осетинҳо, осетинӣ; **～ язы́к** забони осетинӣ

осети́ны *мн.* осетинҳо

осётр *м* тосмоҳӣ

осетрина *ж* гушти тосмоҳӣ

осетро́в||ый, -ая, -ое 1. ...и тосмоҳӣ; **～ая икра** тухми тосмоҳӣ 2. *в знач. сущ.* **осетро́вые** *мн. зоол.* тосмоҳиҳо

осе́чк||а *ж* дарнагирифтан(и), олав (оташ) нагирифтан(и), дарнарафтан(и); **ружьё дало́ ～у** тир дарнарафт // *перен. разг.* саҳв, хато, нобарорӣ; **дать ～у** хато кардан; **вы́шла ～а** кор барор нагирифт; нашуд

осе́чься *сов.* 1. *уст.* дарнагирифтан, олав (оташ) нагирифтан, дарнарафтан // *перен. прост.* *(потерпеть неудачу)* аз шаст гаштан 2. *перен. разг.* хап шудан; **он вдруг осе́кся** вай якбора хап шуда монд // *(прерваться — о голосе)* қатъ (хиррӣ) шудан; **го́лос его́ дро́гнул и осе́кся** овозаш ларзида хиррӣ шуда монд

оси́ливать *несов. см.* **оси́лить**

оси́лить *сов.* 1. *кого* дастболо шудан, зур баромадан, ғолиб омадан, мағлуб кардан; **～ неприя́теля** душманро мағлуб кардан // *что* худдорӣ кардан, худро ба даст гирифтан; **～ волне́ние** аз ҳаяҷон худдорӣ кардан 2. *что разг.* ӯҳда кардан, аз уҳдаи *чизе* баромадан; зӯр зада ёд гирифтан, аз худ кардан; **～ матема́тику** зур зада математикаро ёд гирифтан

оси́на *ж* сиёҳбед

оси́нник *м* чакалаки сиёҳбед, сиёҳбедзор

оси́новик *м см.* **подоси́новик**

оси́нов||ый, -ая, -ое ...и сиёҳбед; ...и чӯби сиёҳбед; **～ая ро́ща** чакалаки сиёҳбед ◇ **вбить ～ый кол в моги́лу кого́-чего́-л.** ҷанозаи касеро, чизеро хондан; **дрожи́т как ～ый лист** мисли барги бед меларзад

оси́н||ый, -ая, -ое ...и ору; **～ый рой** селаи ору; **～ое гнездо́** *прям., перен.* орухона; маскани хусумат

оси́плость *ж разг.* хирригӣ, гирифтагӣ; **по́сле просту́ды оста́лась ～** баъд аз зуком овоз хиррӣ шуда монд

оси́плый, -ая, -ое *разг.* хиррӣ, гирифта; **～ го́лос** овози гирифта

оси́пнуть *сов. разг.* хиррӣ шудан; **от пла́ча ребёнок оси́п** бача аз гирья хиррӣ шуд

осироте́л||ый, -ая, -ое 1. ятимшуда, ятиммонда, сағирмонда; **～ые де́ти** бачаҳои ятиммонда // *перен.* яккаю танҳо, бекас, бехешу табор 2. *перен.* холӣ, беодам, бекас, таркшуда; **～ый дом** хонаи бекас

осироте́||ть *сов.* 1. ятим шудан (мондан), сағир мондан // *перен.* яккаю танҳо (бекас, бехешу табор) шудан 2. *перен.* холӣ (беодам) шуда мондан; **дом ～л** хона холӣ шуда монд

осироти́ть *сов. кого-что* ятим (сағир) кардан // *перен.* *(сделать одиноким)* яккаю танҳо (бекас) кардан

оска́бливать *несов. см.* **оскоблить**

оска́бливаться *несов. страд.* тарошида шудан

оскал *м* даҳони гиз, дандоннамоӣ

оска́ливать(ся) *несов. см.* **оска́лить(ся)**

оска́лить *сов. что:* **～ зу́бы** 1) дандон намудан, дандон гиз кардан, дандон газ-газ кардан 2) *прост.* писханд (лабханд) кардан

оска́литься *сов.* 1. дандон намудан, дандон гиз (газ-газ) кардан 2. *прост.* писханд (лабханд) кардан

оскальпи́ровать *сов. кого* пӯсти сарро кандан

осканда́лить *сов. кого-что разг.* беобрӯ (расво) кардан

осканда́литься *сов. разг.* беобрӯ (расво) шудан

оскверне́ние *с* (*по знач. гл.* **оскверни́ть**) ҳаром кардан(и); (*по знач. гл.* **оскверни́ться**) ҳаром шудан(и)

осквернитель *м* ҳаромкунанда; мурдоркунанда

оскверни́ть *сов. кого-что* 1. *рел.* ҳаром кардан 2. *книжн.* мурдор (палид, касиф) кардан, расво (таҳқир) кардан

оскверни́ться *сов.* 1. *рел.* ҳаром шудан 2. *книжн.* мурдор (палид, касиф) шудан, расво (таҳқир) шудан

оскверня́ть *несов. см.* **оскверни́ть**

оскверня́ться *несов.* 1. *см.* **оскверни́ться**; 2. ҳаром карда шудан

оскла́бить *сов. что разг.:* **～ лицо́** даҳонро инҷ кардан

осклабиться *сов. разг.* даҳонро инҷ кардан

оскобли́ть *сов. что* тарошидан, харошидан, тарошида тоза кардан; **～ грязь** лойро тарошидан

оско́л||ок *м* пора, порча, тикка, шикастапора, реза; **～ки стекла́** оинарезаҳо; **～ок снаря́да** тиккаи тири туп // *перен.* боқимонда, осор; **～ок про́шлого** осори гузашта

оско́лочн||ый, -ая, -ое 1. ...и пора, ...и тикка; **～ая ра́на** захми тиккаи тири туп 2. тиккадор, пуртикка; **～ая бо́мба** бомбаи тиккадор

оско́ма *ж прост. см.* **оско́мина**

оско́мин||а *ж* кундшавии (ёзиши) дандон; **наби́ть ～у** 1) дандонро кунд кардан, дандонро занондан (ёзондан); 2) *перен.* ба дил задан, безор (сер) шудан

оскопи́ть *сов. кого* ахта кардан

оскопле́ние *с* (*по знач. гл.* **оскопи́ть**) ахта кардан(и)

оскопля́ть *несов. см.* **оскопи́ть**

оскопля́ться *несов. страд.* ахта карда шудан

оскорби́тель *м* таҳқиркунанда, дашномдиҳанда, озордиҳанда

оскорби́тельно *нареч.* таҳқиромез(она); **э́ти слова́ прозвуча́ли ～** ин суханон оҳанги таҳқиромез доштанд

оскорби́тельность *ж* таҳқиромез будан(и)

оскорби́тельный, -ая, -ое (оскорби́те|лен, -льна, -льно) таҳқиромез, дашномдиҳанда, озордиҳанда

оскорби́ть *сов. кого-что* таҳқир кардан, дашном (хорӣ) додан, озурдан, ранҷонидан; **～ чьё-л. самолю́бие** ба иззати нафси касе расидан ◇ **～ де́йствием** *юр.* задан; **～ слух** *чей* гушхарош шудан

оскорби́ться *сов. разг.* хор (озурда) шудан, ранҷидан

оскорбле́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **оскорби́ть**) таҳқир кардан(и), дашном додан(и); (*по знач. гл.* **оскорби́ться**) хор шудан(и) 2. рафтори (сухани) таҳқиромез; **нанести́ ～** ҳақорат кардан

оскорблённый, -ая, -ое 1. *прич.* таҳқирдида, озурдашуда 2. *прил.* озурда, сахт ранҷида
оскорблять *несов. см.* **оскорбить**
оскорбляться *несов.* 1. *см.* **оскорбиться**; 2. *страд.* таҳқир карда шудан
оскоромить *сов. уст.* рӯза шиканондан, рӯза хурондан *(дар дини насоро)*
оскоромиться *сов. уст.* рӯза шикастан, рӯза хурдан *(дар дини насоро)*
оскотиниться *сов. прост.* ҳайвонтабиат шудан, аз одамигарӣ баромадан
оскрёбки *мн.* (*ед.* **оскрёбок** *м*) *разг.* қирмоч, сарқут, таҳмонда
оскрести *сов. что разг.* харошидан, зудудан, тарошида тоза кардан
оскудевать *несов. см.* **оскудеть**
оскуделый, -ая, -ое камбағалшуда, фақиршуда, бенавошуда; камҳосилшуда; таназзульёфта; ~ **род** авлоди таназзульёфта
оскудение *с* (*по знач. гл.* **оскудеть**) камбағалшавӣ, фақирӣ, бенавошавӣ; камҳосилӣ; таназзул; ~ **земли** камҳосилии замин; ~ **рода** таназзули авлод
оскудеть *сов.* камбағал (фақир, бенаво) шудан; камҳосил шудан; таназзул ёфтан // *чем книжн.* кам шудан
ослабевание *с* (*по знач. гл.* **ослабеть**) суст (заиф) шудан(и)
ослабевать *несов. см.* **ослабеть**
ослабелый, -ая, -ое *разг.* суст, заиф, очиз
ослабе||ть *сов.* 1. суст (заиф, очиз) шудан; **~ть после болезни** баъд аз беморӣ суст шудан // *(притупиться)* кунд (суст) шудан; вазнин шудан; **слух ~л** гуш вазнин шудааст 2. сусттар (камтар, пасттар) шудан; **его чувство не ~ло** меҳраш камтар нашудааст; **его интерес к делу не ~л** ҳавсалааш ба кор пир нашудааст; **ветер ~л** шамол суст шудааст 3. суст (салқу) шудан; **пояс ~л** миёнбанд салқу шудааст // *(расшататься, непрочно держаться)* шалақ (лиққонак, ҷунбонак) шудан
ослабить *сов.* 1. *кого-что* суст (заиф, бемадор, очиз) кардан; ~ **неприятеля** душманро бемадор кардан 2. *что* сусттар (камтар, пасттар) кардан; ~ **контроль** назоратро сусттар кардан // *(смягчить)* сабук (кам) кардан; ~ **наказание** ҷазоро сабук кардан 3. *что* суст (салқу) кардан; ~ **пояс** камарбандро салқу кардан; ~ **подпругу** аилро салқу кардан
ослабление *с* 1. (*по знач. гл.* **ослабить**) суст (заиф, бемадор) кардан(и); ~ **удара** сусттар кардани зарба 2. (*по знач. гл.* **ослабеть**) суст (заиф, очиз) шудан(и); ~ **памяти** суст шудани қувваи ҳофиза
ослаблять *несов. см.* **ослабить**
ослабляться *несов. страд.* суст (заиф) карда шудан
ослабнуть *сов. разг. см.* **ослабеть**
ославить *сов. кого-что разг.* бадном (рӯсиёҳ) кардан, дар ҳаққи касе овозаи бад паҳн кардан, обрӯи касеро резондан
ославиться *сов. разг.* бадном (рӯсиёҳ) шудан
ослёнок *м* курра
ослепительн||ый, -ая, -ое (ослепите|лен, -льна, -льно) 1. чашмбар, дурахшон, тобон; **~ый свет солнца** нури дурахшони офтоб // сап-сафед, ялаққосӣ; **~ая скатерть** дастархони сап-сафед 2. *перен.* фаттон, дилрабо, бошукуҳ, оламоро; **~ая красота** ҳусни оламоро
ослепи||ть *сов. кого-что* 1. кур (нобино) кардан 2. чашмро хира кардан, чашмро бурдан; **яркое солнце ~ло меня** офтоби дурахшон чашми маро хира кард 3. *перен.* мафтун (маҳву мот) кардан; **~ть красотой** бо ҳусну ҷамол мафтун кардан 4. *перен.* гумроҳ кардан, акли *касеро* дуздидан, ба иштибоҳ андохтан
ослепление *с* 1. (*по знач. гл.* **ослепить**) кӯр (нобино) кардан(и) 2. *перен.* ҳолати бехудӣ
ослеплять *несов. см.* **ослепить**
ослепляться *несов. страд.* кур (нобино) карда шудан
ослепнуть *сов.* кур (нобино) шудан
ослизлый, -ая, -ое шалхадор, пурлуоб; лағжонак
ослизнуть *сов.* шалхадор (пурлуоб) шудан; лағжонак шудан
ослик *м уменьш.-ласк. к* **осёл** 1
ослинник *м бот.* шамъи шаб
ослин||ый, -ая, -ое ...и хар; **~ая шкура** пӯсти хар // *перен.* мисли хар; **~ое упрямство** мисли хар гарданшах будан
ослиха *ж прост. см.* **ослица**
ослица *ж* мочахар
осложнение *с* 1. (*по знач. гл.* **осложнить**) мураккаб (душвор, мушкил) кардан(и); (*по знач. гл.* **осложниться**) мураккаб (душвор, мушкил) шудан(и); ~ **вопроса** мураккаб кардани масъала 2. мамониат, монеа, халал; ~ **в переговорах** носозиҳо дар гуфтушунид 3. *мед.* бод, нуқс; ~ **после гриппа** боди грипп
осложнить *сов. что* мураккаб (душвор, мушкил, чигил) кардан; ~ **вопрос** масъаларо чигил кардан
осложни||ться *сов.* 1. мураккаб (душвор, мушкил, чигил) шудан; **дело ~лось** кор мушкилтар шуд 2. *чем* вазнин (сахт) шудан, дарди нав пайдо шудан; **грипп ~лся воспалением лёгких** аз боди грипп бемор ба дарди варами шуш гирифтор шуд
осложнять *несов. см.* **осложнить**
осложняться *несов.* 1. *см.* **осложниться**; 2. *страд.* мураккаб карда шудан
ослушание *с* (*по знач. гл.* **ослушаться**) гапгардонӣ, саркашӣ, гардантобӣ, гарданшахӣ; **наказать за ~** барои гапгардонӣ ҷазо додан
ослушаться *сов. кого-чего уст. разг.* гуш (итоат) накардан, гапгардонӣ (саркашӣ, гардантобӣ) кардан; ~ **чьего-л. приказания** ба фармони касе итоат накардан
ослушиваться *несов. страд. к* **ослушаться**
ослушник *м уст.* саркаш, худсар
ослушница *женск. к* **ослушник**
ослышаться *сов.* хато (ғалат) шунидан
ослышка *ж разг.* хатошунавӣ, ғалатшунавӣ, нодурустшунавӣ
ослятина *ж* гӯшти хар
осмаливание *с см.* **осмолка**
осмаливать *несов. см.* **осмолить**
осмаливаться *несов. страд.* қир молида шудан
османский, -ая, -ое *уст.* ...и усмонӣ, туркӣ, ...и туркии усмонӣ
османы *мн. уст.* усмониҳо (*номи сулолаи султонҳо, ки дар муддати солҳои 1300—1922 ҳукм меронд*)
осматривание *с* (*по знач. гл.* **осмотреть**) тамошо кардан(и), дидан(и); ~ **достопримечательностей города** дидани ҷойҳои тамошобоби шаҳр
осматривать *несов. см.* **осмотреть**
осматриваться *несов.* 1. *см.* **осмотреться**; 2. *страд.* тамошо карда шудан
осмеивать *несов. см.* **осмеять**
осмеиваться *несов. страд.* масхара карда шудан
осмелеть *сов.* ҷасур (далер, нотарс) шудан, шуҷоат (ҷасорат) пайдо кардан
осмеливаться *несов. см.* **осмелиться**
осмел||иться *сов.* ҷуръат (ҷасорат, далерӣ) кардан, нотарс (шердил) шудан; **~юсь доложить (сказать, заметить** *и т. п.*) *уст.* бо иҷозати шумо арз мекунам
осмеяни||е *с* (*по знач. гл.* **осмеять**) масхара (мазоҳ) кардан(и); **подвергнуть ~ю** масхара кардан
осмеять *сов. кого-что* масхара (мазоҳ) кардан; ~ **чьи-л. нравы** хислатҳои касеро мазоҳ кардан; **зло ~ кого-л.** касеро сахт масхара кардан
осмиевый, -ая, -ое *хим.* ...и осмий
осмий *м хим.* осмий (*элементи химиявӣ, металл*)
осмолить *сов. что* қир (катрон, зифт) молидан; ~ **лодку** ба қаиқ катрон молидан
осмолка *ж* (*по знач. гл.* **осмолить**) қир (катрон, зифт) молидан(и)
осмос *м физ.* таровиш (*гузаштани моддаҳои моеъ аз пардаҳои тунук*)
осмотическ||ий, -ая, -ое ...и таровиш, -таровиши; **~ое давление** фишори таровиш
осмотр *м* (*по знач. гл.* **осмотреть**) тамошо, тамошо кардан(и); муоина, тафтиш; **медицинский ~** муоинаи тиббӣ; **технический ~** тафтиши техникӣ
осмотреть *сов.* 1. *кого-что* аз назар гузаронда, назар кардан, дидан, нигаристан; ~ **кого-л. с головы до ног** сар то пои касеро аз назар гузарондан // *что* тамошо кардан; ~ **выставку** выставкаро тамошо кардан 2. *кого-что* муоина (тафтиш) кардан; ~ **горло больного** гулуи беморро муоина кардан
осмотреться *сов.* 1. гирду атрофро

аз назар гузарондан; худро аз назар гузарондан 2. *перен.* бо муҳити атроф шинос шудан; ~ **в новом городе** бо муҳити шаҳри нав шинос шудан

осмотрительно *нареч.* эҳтиёткорона, бо андеша, дурандешона; **поступать** ~ эҳтиёткорона рафтор кардан

осмотрительность *ж* эҳтиёткорӣ, мулоҳизакорӣ, дурандешӣ; **действовать с большой** ~**ю** бо камоли эҳтиёт амал кардан

осмотрительный, -ая, -ое (осмотрите|лен, -льна, -льно) эҳтиёткор(она), боэҳтиёт, мулоҳизакор(она); ~ **человек** одами эҳтиёткор

осмотрщик *м* назоратчӣ

осмысление *с* (*по знач. гл.* **осмыслить**) фаҳмидагирӣ, дарк кардан(и), сарфаҳмравӣ; ~ **событий** дарк кардани ҳодисаҳо

осмысленно *нареч.* бошуурона, мулоҳизакорона, андешамандона

осмысленность *ж* маънидор будан(и); ~ **взгляда** маънидор будани нигоҳ

осмысленный, -ая, -ое 1. *прич.* фаҳмидашуда 2. *прил.* (осмыслен, -на, -но) бомаънӣ, мулоҳизакорона; ~ **ответ** ҷавоби бомаънӣ

осмысливание *с см.* **осмысление**

осмысливать *несов. см.* **осмыслить**

осмысливаться *несов. страд.* фаҳмида шудан

осмыслить *сов. что* фаҳмидан, фаҳмида гирифтан, сарфаҳм рафтан; ~ **происшедшее** ҳодисаи рӯйдодаро фаҳмидан

осмыслять(ся) *несов. см.* **осмысливать(ся)**

оснастить *сов. что* 1. *мор.* бодбонгузорӣ (танобкашӣ) кардан; ~ **судно** киштиро бо танобу бодбон таҷҳиз кардан 2. *чем* таҷҳизонидан, ҷиҳозонидан; ~ **приборами** бо асбобҳо ҷиҳозонидан

оснастка *ж* 1. (*по знач. гл.* **оснастить**) бодбонгузорӣ (танобкашӣ) кардан(и); таҷҳиз, ҷиҳозонӣ; ~ **судна** таҷҳизи киштӣ 2. *мор.* бодбону танобҳои киштӣ 3. *тех.* таҷҳизот, асбобу анҷом

оснащать *несов. см.* **оснастить**

оснащаться *несов. страд.* таҷҳиз карда шудан

оснащение *с* 1. (*по знач. гл.* **оснастить** 2) таҷҳизонидан(и) 2. таҷҳизот; **новое** ~ таҷҳизоти нав

оснащённость *ж* дараҷаи таҷҳизот; **высокая** ~ **сельского хозяйства** дараҷаи баланди таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ

оснеженный, -ая, -ое (оснежен, -а, -о) *см.* **оснежённый**

оснежённ||ый, -ая, -ое (оснеж|ён, -ена, -ено) *поэт.* барфпуш; ~**ые поля** саҳроҳои барфпуш

основ||а *ж* 1. қафаса 2. асос, моҳият, асл, таҳкурсӣ, буньёд; ~**а экономики** таҳкурсии иқтисодиёт // *мн.* **основы** мабдаъ; **подрывать** ~**ы чего-л.** мабдаи чизеро суст кардан 3. *мн.* **основы** асосҳо; ~**ы биологической науки** асосҳои илми биология 4. *текст.* тор (*дар бофандагӣ*) 5. *грам.* асос, реша; ~**а слова** асоси калима, решаи калима ◇ **на** ~**е чего-л.** дар асоси чизе; **лежать в** ~**е чего-л.** асоси чизе будан (шудан); **лечь в** ~**у** *чего* асос шудан; **положить что-л. в** ~**у** чизеро асос кардан; **принять за** ~**у** ҳамчун асос қабул кардан

основани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **основать**) асос гузоштан(и), таъсис (ташкил) кардан(и); ~**е театра** таъсиси театр 2. таҳкурсӣ, поя, пойдевор; **дом на каменном** ~**и** хонаи таҳкурсияш сангин; ~**е горы** доманаи кӯҳ 3. асос, моҳият, асл, буньёд 4. *мн.* **основания** *уст. см.* **основа** 3; 5. сабаб, асос, далел, ваҷҳ, шарт; **законное** ~**е** асоси қонунӣ; **на** ~**и судебного решения** дар асоси қарори суд; **на каком** ~**и?** ба чӣ ваҷҳ?; **на этом** ~**и** дар ин асос 6. *мат.*, *хим.* асос ◇ **до** ~**я** тамоман; **разрушить до** ~**я** тамоман вайрон кардан; **на** ~**и чего-л.** аз рӯи чизе; **на законном** ~**и** мувофиқи қонун, қонунан

основатель *м* буньёдкор, асосгузор, муассис

основательница *женск. к* **основатель**

основательно *нареч.* 1. маҳкам, устувор; ~ **строить** маҳкам сохтан 2. ҷиддӣ, чуқур, ҳартарафа, пурра, муфассал; ~ **изучить медицину** илми тиббро ҷиддӣ омӯхтан 3. *разг.* дуруст, дурустакак, хеле, бисьёр; ~ **проголодаться** хеле гурусна мондан

основательность *ж* 1. асоснокӣ, асоснок будан(и); ~ **аргументов** асоснокии далелҳо 2. ҷиддӣ (мукаммал) будан(и)

основательн||ый, -ая, -ое (основате|лен, -льна, -льно) 1. асосдор, асоснок, боасос; ~**ые доводы** далелҳои асоснок 2. пухта, пухтакор, бомаънӣ; ~**ый работник** ходими пухтакор 3. маҳкам, устувор, пойдор; ~**ое сооружение** иншооти мустаҳкам 4. ҷиддӣ, ҳартарафа, пурра, мукаммал; ~**ое изучение предмета** мукаммал омӯхтани предмет 5. *разг.* хеле, бисьёр, зиёд, калон, том; ~**ый груз** бори бисьёр; ~**ый аппетит** иштиҳои том

основать *сов. что* 1. асос гузоштан, таъсис (ташкил, буньёд) кардан, ба вуҷуд овардан; ~ **город** шаҳр буньёд кардан 2. *на чём* асоснок кардан; **это утверждение ни на чём не основано** ин даъво асосе надорад

основаться *сов.* 1. асос (таъсис, ташкил) ёфтан, барпо гаштан, ба вуҷуд омадан 2. сокин (муқим) шудан, манзил (хонаву ҷой) кардан; ~ **на новом месте** дар ҷои нав сокин шудан

основн||ой, -ая, -ое асосӣ, аслӣ, муҳимтарин, умда; ~**ые отрасли промышленности** соҳаҳои асосии саноат // *в знач. сущ.* **основное** *с* нуқтаи (чизи, ҷиҳати) асосӣ ◇ **в** ~**ом** асосан; **в** ~**ом работа выполнена** кор асосан иҷро карда шуд; ~**ой капитал** *эк.* капитали асосӣ

основн||ый I, -ая, -ое *текст.* ...и тор; ~**ые нити** ресмонҳои тор

основн||ый II, -ая, -ое *хим.* ...и асос; ~**ые соли** намакҳои асос

основовязальн||ый, -ая, -ое *текст.* ...и торбофӣ; ~**ая машина** мошини торбофӣ

основополагающий, -ая, -ее *книжн.* асосӣ, умда

основоположник *м* асосгузор; ~**и научного коммунизма** асосгузорони коммунизми илмӣ

основщик *м текст.* торбоф

основывать *несов. см.* **основать**

основываться *несов.* 1. *см.* **основаться**; 2. *на чём* ба асос гирифтан, асос кардан; ~ **на догадках** агару магарро ба асос гирифтан 3. *страд.* таъсис карда шудан

особ||а *ж* 1. шахс, кас, зот, фард; **важная** ~**а** шахси обруманд 2. зан, хонум; **одна молодая** ~**а** як хонуми ҷавон ◇ **своей [собственной]** ~**ой** шахсан

особенно *нареч.* 1. фавқулодда, ғайриоддӣ 2. зӯртар, зиёдтар, бағоят, ниҳоятдараҷа; **он сегодня** ~ **любезен** у имрӯз бағоят меҳрубон аст 3. махсусан, хусусан; ~ **удалась актёру эта роль** актёр хусусан ин рольро нағз бозӣ карда тавонистааст ◇ **не** ~ на чандон, на он қадар; **не** ~ **дорого** на чандон қимат аст

особенност||ь *ж* сифат, хислат, хусусият, хосият; **характерная** ~**ь** хислати хос; **национальные** ~**и** хусусиятҳои миллӣ ◇ **в** ~**и** махсусан

особенн||ый, -ая, -ое 1. махсус, ғайриоддӣ; **у него** ~**ое произношение** у талаффузи махсус дорад 2. калон, бағоят, ниҳоятдараҷа, зиёд, бисьёр; **у него** ~**ое тяготение к музыке** ӯ ба мусиқӣ бағоят рағбат дорад; **без** ~**ого труда** бе заҳмати зиёд 3. *уст.* алоҳида, ҷудогона, танҳо

особиц||а *ж*: **в** ~**у**, **на** ~**у** *уст. и прост.* махсус

особливо *нареч. уст. и прост. см.* **особенно** 3

особливый, -ая, -ое *уст. и прост. см.* **особенный** 1, 3

особняк *м* иморати шахсӣ

особняком *нареч.* алоҳида, ҷудогона, дар канора, чет; **дом стоит** ~ бино дар канора истодааст; **держаться** ~ худро аз мардум канор гирифтан

особнячок *м уменьш. к* **особняк**

особо *нареч.* 1. алоҳида, ҷудогона, ҷудо 2. махсусан, хусусан, алалхусус; ~ **прочные материалы** масолеҳи махсусан мустаҳкам; ~ **точное оборудование** таҷҳизоти махсусан дақиқ

особ||ый, -ая, -ое 1. махсус, ғайриоддӣ 2. зиёд, бисьёр, калон, казоӣ; **без** ~**ого желания** бе ҳавсалаи казоӣ; **проявить** ~**ый интерес к чему-л.** ба чизе шавқу ҳаваси калон зоҳир кардан 3. алоҳида, ҷудогона, махсус; **остаться при** ~**ом мнении** фикри махсус доштан; ~**ая комиссия** комиссияи махсус

особь *ж* фард

особь: ~ **статья** *разг.* гапи дигар

осовéлый, -ая, -ое *разг.* гиҷ, ланҷ, гаранг, карахт, саргаранг; хоболуд; ~ **вид** қиёфаи карахт; ~ **взгляд** нигоҳи хоболуд

осовéть *сов. разг.* гиҷ (ланҷ, гаранг, карахт, саргаранг) шудан; хоболуд шудан

осовремéнивание *с* (*по знач. гл.* **осовремéнить**) ҳозиразамон кардан(и)

осовремéнивать *несов. см.* **осовремéнить**

осовремéнить *сов. что* ҳозиразамон кардан

осоéд *м зоол.* орухӯрак (*паррандаи ҷинси қарчиғай*)

осознавáть *несов. см.* **осознáть**

осознавáться *несов. страд.* фаҳмида шудан

осознáние *с* (*по знач. гл.* **осознáть**) фаҳмидан(и), дарк кардан(и); ~ **своегó дóлга** фаҳмидани вазифаи худ

осознáть *сов. что* фаҳмидан, дарк намудан, эътироф (иқрор) кардан; ~ **свою винý** гуноҳи худро иқрор кардан

осóка *ж бот.* ғеша, қиёқ

осóков||ый, -ая, -ое ...и ғеша, ...и қиёқ; ~**ые зáросли** ғешазор, қиёқзор // *в знач. сущ.* **осóковые** *мн. бот.* ғешагиҳо

осокóрник *м* бешаи сафедори сиёҳ

осокóрь *м бот.* сафедори сиёҳ

осоловéлый, -ая, -ое *см.* **осовéлый**

осоловéть *сов. см.* **осовéть**

осолонéние *с* (*по знач. гл.* **осолонúться**) шурхок шудан(и)

осолонúться *сов.* шурхок шудан

осолонáться *несов. см.* **осолонúться**

óсп||а *ж* 1. *мед.* нағзак; **чёрная** ~**а** нағзаки сиёҳ; **болéть** ~**ой** нағзак баровардан; **привить** ~**у** нағзак канондан 2. *разг.* доғи нағзак ◇ **вéтряная** ~**а** гулафшон, гул, нағзак, обакон

оспáривание *с* (*по знач. гл.* **оспóрить** *и* **оспáривать**) мубоҳиса кардан(и); талош кардан(и)

оспáривать *несов.* 1. *см.* **оспóрить**; 2. *что* талош кардан, мусобиқа кардан; ~ **пéрвенство** барои гирифтани ҷои якум мусобиқа кардан

óспенный, -ая, -ое ...и нағзак

óспина *ж* доғи нағзак

óспинка *ж уменьш.-ласк. к* **óспина**

оспопрививáние *с* нағзакканӣ

оспопрививáтельный, -ая, -ое ...и нағзакканӣ

оспóрить *сов. что* мубоҳиса (мунозира) кардан

осрамúть *сов. кого-что* расво (бадном, беобру) кардан

осрамúться *сов.* расво (бадном, беобру) шудан

оссеи́н *м анат., хим.* оссеин (*қисми асосии таркиби бофтаҳои устухони бадан*)

ост *м* 1. *мор.* шарқ, самти офтоббаро, машриқ 2. *мор., метео* шамоли машриқ

оставáться *несов. см.* **остáться**; **счастлúво** ~! саломат бошед!, саломат монед!, хайр (хуб) бошед!

остáви||ть *сов.* 1. *кого-что* мондан, монда омадан (рафтан), гузоштан; ~**ть кнúгу дóма** китобро дар хона мондан 2. *что* осор гузоштан, таъсир кардан; ~**ть приятное воспоминáние** аз худ хотираи нек гузоштан 3. *кого-что* гузоштан, нигоҳ доштан, мондан, мононидан, эҳтиёт кардан; ~**ть часть зернá на семенá** қисми ғалларо барои тухмӣ нигоҳ доштан; ~**ть бóроду** риш мондан 4. *кого-что* васият кардан; ба ихтиёри *касе* гузоштан (мондан); ~**ть наслéдство** мерос гузоштан // *кем* таъин кардан, мондан, мононидан; ~**ть наслéдником** меросхур карда мондан; ~**ть сиротóй когó-л.** касеро ятим карда мононидан 5. *кого-что* дар ҳолате мононидан (гузоштан); ~**ть так** ҳамин тавр мононидан; ~**ть в живы́х** зинда мононидан; ~**ть когó-л. в недоумéнии** касеро дар ҳайрат гузоштан 6. *кого-что без чего* надодан, маҳрум кардан; ~**ть без обéда** хӯрок надодан; ~**ть когó-л. без крóва** касеро бехонумон кардан; ~**ть письмó без отвéта** ба мактуб ҷавобе нагардондан 7. *кого-что* нигоҳ доштан, мононидан; ~**ть ученикá пóсле урóка** талабаро баъд аз дарс нигоҳ доштан; ~**ть гостéй ночевáть** меҳмононро шаб дар хона мононидан; ~**ть ученикá на вторóй год** талабаро дар синфаш мононидан 8. *кого-что* тарк кардан, баромада (партофта, рафтан; ~**ть роднóй дом** зодгоҳи худро тарк кардан; ~**ть шкóлу** мактабро партофтан 9. *перен.* рафтан, мондан; **сознание** ~**ло егó** у аз ҳуш рафт; **сúлы** ~**ли меня́** аз қувват мондам 10. *перен.* аз баҳри *чизе* гузаштан; ~**ть надéжду** умедро кандан 11. *повел.* **остáвь(те)** мон(ед), бас кун(ед), гап назан(ед); **остáвьте э́ти разговóры!** ин гапҳоро бас кунед!, монед ин гапҳоро!; **остáвьте, э́то не вáше дéло!** монед, ин кори шумо не! ◇ ~**ть дéньги** *где* пулҳоро исроф кардан; ~**ть мир** *уст.* чашм аз ҷаҳон пушидан, аз дунё гузаштан; ~**ть без послéдствий** бенатиҷа (беоқибат) мононидан; ~**ть в дуракáх (дуракóм)** 1) *карт.* бурдан 2) фиреб (фанд) додан; ~**ть в покóе когó-л.** касеро ташвиш надодан; ~**ть за кормóй** *мор.* тай кардан; ~**ть за собóй**, ~**ть позадú** [себя] *кого-что* 1) паси сар кардан; **мы** ~**ли за собóй дерéвню и пошлú пó лесу** мо аз деҳа гузашта роҳи ҷангалзорро пеш гирифтем 2) (*опередить*) пеш рафтан (гузаштан); ~**ть за собóй** *что* дар ихтиёри худ мондан; ~**ть за собóй квартúру** хонаро дар ихтиёри худ мондан; ~**ть на пáмять** барои ёдгорӣ ҳадья кардан; ~**ть с нóсом** *кого прост.* ду даст дар бинӣ мононидан; **кáмня на кáмне не** ~**ть** санг бар санг нагузоштан; **не** ~**ть своúми мúлостями когó-л.** *уст.* касеро аз марҳамати худ маҳрум накардан

оставлéние *с* (*по знач. гл.* **остáвить** 1—10) гузоштан(и), мондан(и), мононидан(и)

оставля́||ть *несов. см.* **остáвить** 1—9 ◇ ~**ет желáть мнóгого (лýчшего)** чандон нағз не, хуб нест

остальн||óй, -áя, -óе боқӣ, боқимонда, бақия, дигар // *в знач. сущ.* **остальны́е** *мн.* дигарон, боқимондагон; **часть семьú уéхала,** ~**ы́е здесь** як қисми аҳли оила рафт — дигарон монданд // *в знач. сущ.* **остальнóе** *с* дигар, дигараш; ~**óе ты знáешь сам** дигарашро худат медонӣ

останáвливать *несов. см.* **остановúть**

останáвливаться *несов.* 1. *см.* **остановúться**; 2. *страд.* боздошта (нигоҳ дошта) шудан

остáнки *тк. мн.* ҷасади (хоки) мурда, майит

остановúть *сов.* 1. *кого-что* нигоҳ доштан, боздоштан, аз ҳаракат мононидан; ~ **лóшадь** аспро нигоҳ доштан // *что* хобондан, аз кор мондан; ~ **часы́** соатро хобондан; ~ **завóд** заводро хобондан 2. *что* қатъ (бас) кардан, боздоштан, хомуш (паст, дафъ) кардан; ~ **игрý** бозиро қатъ кардан; ~ **кровотечéние** хунро боздоштан 3. *кого-что* (*удержать*) нигоҳ доштан, даҳони *касеро* бастан 4. *что на ком-чём* ҷалб (равона) кардан, бастан, афкандан, нигарондан; ~ **свой взгляд на кóм-чём-л.** ба касе, чизе чашм дӯхта истодан; ~ **внимáние на чём-л.** диққати худро ба чизе ҷалб кардан; ~ **свой вы́бор на кóм-л.** касеро хоста гирифтан

останови́||ться *сов.* 1. истодан, боздистодан, қарор гирифтан, аз ҳаракат мондан; **пóезд** ~**лся** поезд истод // хоб кардан, хобидан; **завóд** ~**лся** завод хоб кард 2. қатъ (бас) шудан, хомуш (паст, дафъ) шудан; **рабóта** ~**лась** кор қатъ шуд 3. бозистодан, худдорӣ кардан; **он заговорúл и ужé не мог** ~**ться** у ба гап даромад ва дигар худдорӣ карда натавонист // *на чём* қатъ кардан, истодан; **на чём мы** ~**лись?** мо дар куҷо истода мондем? 4. *на ком-чем* ҷалб (равона, нигаронда) шудан, бозистодан; **егó взор** ~**лся на ребёнке** чашми у ба бача дӯхта шуд 5. *на чём* (*прийти к заключению*) ба хулосае (ба қароре, ба фикре) омадан, хулосае баровардан 6. фуромадан, манзил гирифтан (кардан), таваққуф кардан; ~**ться в гостúнице** ба меҳмонхона фуромадан; ~**ться на привáл** дам гирифтан ◇ **ни пéред чем не** ~**ться** аз чизе рӯ нагардондан, ба ҳар кирдор тайёр будан

остановк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **остановúть** 1) нигоҳ доштан(и), боздоштан(и); ~**а пóезда тóрмозом** тормоз дода нигоҳ доштани поезд 2. сукут, таваққуф, ист; **говорúть без** ~**и** беист гап задан 3. (*временное пребывание*) таваққуфи муваққатӣ 4. истгоҳ; масофаи байни ду истгоҳ; **трамвáйная** ~**а** истгоҳи трамвай ◇ ~**а за** *кем-чем* маътал (мунтазир) кардан; **за мнóй** ~**и не бýдет** ман маътал намекунам

останóвочный, -ая, -ое бозданда,

нигоҳдоранда; ~ **механизм** механизми боздоранда; ~ **пункт** истгоҳ

оста́т||ок *м* 1. бақия, боқимонда, пасмонда, бозмонда; **~ок мате́рии** боқимондаи матоъ 2. *чаще мн.* **остатки** боқимондаҳо, бозмондаҳо; **~ки крепостно́й стены** боқимондаҳои девори калъа // *(следы минувшего)* осор; **~ки пре́жнего вели́чия** осори ҳашамати гузашта 3. *мн.* **оста́тки** *(отбросы)* партов, ахлот, пасафкандаҳо 4. *тк. ед.* боқимонда; **~ок пути** боқимондаи роҳ; **~ок вре́мени** боқимондаи вақт 5. *мат.* бақия ◇ **без ~ка** комилан, тамоман

оста́точн||ый, -ая, -ое 1. боқимонда, бақия, мондагӣ; **~ые су́ммы** маблағҳои бақия 2. зиёдатӣ; **~ые о́рганы** органҳои зиёдатӣ 3. *физ., тех.* боқимонда; **~ый магнети́зм** магнетизми боқимонда

оста́ться *сов.* 1. мондан; ~ **до́ма** дар хона мондан; ~ **ночева́ть** шаб хоб карда мондан; ~ **с больны́м** ҳамроҳи бемор мондан; ~ **[на второ́й год]** ду сол дар як синф мондан 2. *(сохраниться)* мондан; ~ **в па́мяти** дар хотир мондан; **у меня́ оста́лось то́лько два рубля́** фақат ду сӯм пулам монд; **до отъе́зда оста́лось три дня** ба сафар се руз монд; **ему́ осталось всё иму́щество** тамоми молу мулк ба у мерос монд 3. *(в каком-л. состоянии)* дар ҳолате мондан; ~ **в живых** зинда мондан; ~ **при своём мне́нии** дар фикри (дар ақидаи) худ мондан 4. *(оказаться)* мондан; ~ **вдовой** бева мондан; ~ **без де́нег (без гроша)** бепул мондан 5. *безл. кому с неопр.* боз бояд, боз лозим; **мне осталось сказа́ть немно́гое** ман боз бояд баъзе чизҳоро гуям ◇ ~ **позади** паси сар шудан, гузаштан; ~ **в дураках (дурако́м)** 1) *карт.* бохтан, бой додан 2) фиреб (фанд) хурдан; ~ **за ке́м-л.** 1) дар ихтиёри касе мондан; **квартира осталась за ним** хона дар ихтиёри ӯ монд 2) дар гардани касе мондан; **за ним оста́лась небольша́я су́мма** як миқдор қарз дар гардани у монд; ~ **на бобах** ду даст дар бинӣ мондан; ~ **на рука́х у кого́-л.** дар дасти касе мондан; ~ **ни при чём** ба мурод нарасидан; ~ **ни с чем** аз ҳама чиз маҳрум шуда мондан; ~ **с но́сом** ду даст дар бинӣ мондан; кор барор нагирифтан; ~ **у разби́того коры́та** ду даст дар бинӣ мондан; **не ~ в долгу́ перед ке́м-л.** подоши касеро додан; **оста́лись ро́жки да но́жки** каллаю поча шуд

остготы *мн. ист.* остготҳо *(тоифаи шарқии қавми готҳо)*

остеит *м см.* **ости́т**

остеклене́ть *сов.* карахт (шах, беҳаракат, бенур, нобино) шудан *(оид ба чашм)*

остекле́ние *с (по знач. гл.* **остекли́ть)** оинакорӣ, оинабандӣ, шишабандӣ; ~ **о́кон** оинакории тирезаҳо

остекли́ть *сов. что* оинакорӣ (оинабандӣ, шишабандӣ) кардан; ~ **рамы** чорчубаҳоро оинакорӣ кардан

остекля́ть *несов. см.* **остеклить**

остекля́ться *несов. страд.* оинакорӣ карда шудан

остеографи́ческий, -ая, -ое *анат.* ...и остеография, остеографӣ

остео́лог *м* остеолог, мутахассиси остеология

остеологи́ческий, -ая, -ое *анат.* ...и остеология, остеологӣ

остеоло́гия *ж* остеология *(соҳаи анатомия, ки шакл ва сохти устухонҳоро меомузад)*

остео́ма *ж мед.* остеома *(варами безарари устухон)*

остепенить *сов. кого* ба ақл овардан (даровардан), ба тавфиқ овардан

остепени́ться *сов.* ба ақл даромадан, ба тавфиқ омадан

остепенять(ся) *несов. см.* **остепени́ть(ся)**

остервене́ло *нареч.* хашмгинона, бадқаҳрона, бадхашмона

остервене́лость *ж см.* **остервене́ние**

остервене́лый, -ая, -ое хашмгин, бадқаҳр, бадхашм; ~ **враг** душмани бадхашм

остервене́ни||е *с* бағоят хашмгиншавӣ, бадқаҳрӣ, бадхашмӣ; **довести́ кого́-л. до ~я** касеро ба ниҳояти хашму ғазаб овардан; **прийти́ в ~е** бадхашм шудан ◇ **с ~ем** бо камоли шавқу завқ; мурданивор; **работать с ~ем** мурданивор кор кардан

остервене́ть *сов.* хашмгин (бадқаҳр, бадхашм) шудан

остервениться *сов. см.* **остервене́ть**

остерега́ть *несов. см.* **остере́чь**

остерега||ться *несов.* 1. *кого и без доп.* эҳтиёт шудан, бохабар будан; **~йся э́того челове́ка** аз ин одам эҳтиёт шав 2. *чего и с неопр.* эҳтиёт шудан, худдорӣ (ҳазар) кардан, парҳез кардан; **~ться просту́ды** аз шамолзанӣ эҳтиёт шудан

остере́чь *сов. кого-что* эҳтиёт кардан, бохабар кардан, огоҳ кунондан

остере́чься *сов. см.* **остерега́ться**

ости́стость *ж* сершукӣ, серқилтиқӣ; ~ **колоса** серқилтиқии хушаи ғалла

остистый, -ая, -ое (ости́ст, -а, -о) сершук, серқилтиқ

ости́т *м мед.* остит, варами устухон

о́стов *м* тана, оханбаст, қолаб, қолиб, чубкорӣ, қафаса; ~ **су́дна** танаи (қафасаи) киштӣ // *(скелет)* скелет, устухонбандӣ, устухон; ~ **живо́тного** скелети ҳайвон

о́стовый, -ая, -ое шарқӣ, ховарӣ, ...и машриқ

усто́йчивость *ж мор.:* ~ **су́дна** мувозанати киштӣ

осто́йчив||ый, -ая, -ое *мор.* мувозӣ; **~ое су́дно** киштии мувозӣ

остолбене́ло *нареч. разг.* шах, карахт, гаранг; ~ **смотре́ть на что-л.** карахту гаранг шуда ба чизе нигох кардан

остолбене́лый, -ая, -ое *разг.* ҳайрон, шах (карахт) шудамонда, карахт, гаранг; **он стоял как ~** ӯ карахту гаранг меистод

остолбене́ни||е *с (по знач. гл.* **остолбене́ть)** шах (карахт) шуда мондан(и), карахтӣ, гарангӣ; **стоять в ~и** шах шуда истодан

остолбене́||ть *сов.* шах (карахт) шуда мондан, гаранг шудан; **~ть от у́жаса** аз даҳшат шах шуда мондан; **он сло́вно ~л** у гуё шах шуда монд

остоло́п *м бран.* ҳафтафаҳм

осторо́жничать *несов. разг.* аз ҳад зиёд эҳтиёткорӣ кардан, беҳуда эҳтиёткор шудан

осторо́жно *нареч.* бо эҳтиёт, эҳтиёткорона; **~!** эҳтиёт шавед!

осторо́жност||ь *ж* эҳтиёт, эҳтиёткорӣ; **из ~и** аз эҳтиёт; **проявля́ть ~ь** эҳтиёткорӣ кардан

осторо́жный, -ая, -ое (осторож|ен, -на, -но) боэҳтиёт, эҳтиёткор(она); ~ **челове́к** одами эҳтиёткор

осточерте́ть *сов. разг.* дилбазан шудан, аз ҷон сер кардан, безор кардан

остра́гивать(ся) *несов. см.* **обстра́гивать(ся)**

остраки́зм *м* остракизм, табъид (1. *ист.* *дар Юнони Қадим — бадарға кардани одамони ба давлат хатарнок, ки ин масъала бо овоздиҳии пинҳонӣ бо роҳи дар сафолпораҳо навиштани номи онҳо ҳал карда мешуд* 2. *бадарғакунӣ, табъид)*

остра́стк||а *ж разг.* таҳдид, дуғу пуписа, танбеҳ; **для бо́льшей (пу́щей) ~и** барои танбеҳ

острекать *сов. кого-что обл. и прост.* бо газна сӯзондан

острека́ться *сов. обл. и прост.* бо газна худро сӯхтан

остре́ц *м бот.* гандумак

остригать *несов. см.* **остри́чь**

острига́ться *несов.* 1. *см.* **остри́чься;** 2. *страд.* қайчӣ карда шудан

остриё *с* 1. нӯг, сар; ~ **иглы́** нуги сӯзан 2. дам, теға; ~ **бри́твы** дами поку 3. *перен.* нештар, неш; ~ **кри́тики** нештари танқид

остри́ть I *несов. что* тез (бурро) кардан; қайроқ задан, чарх занондан; ~ **нож** кордро тез кардан

остри́ть II *несов.* аския (латифа, мутоиба, зарофат) гуфтан, аскиягуӣ (зарофатгуӣ, базлагуӣ) кардан; ~ **на че́й-л. счёт** дар ҳаққи касе аския гуфтан

остри́ца *ж зоол.* кирми руда

остри́чь *сов. кого-что* тарошидан, қайчӣ кардан, гирондан, гирифтан; ~ **на́голо** муи сарро тамоман тарошидан; ~ **бо́роду** риш гирифтан

остри́чься *сов.* муйсари худро тарошидан (қайчӣ кунондан, гирифтан, гирондан); ~ **на́голо** муйсари худро тамоман тарошидан

о́стро *нареч.* тез, бурро; тунд; сахт; ~ **отто́ченный каранда́ш** қалами тез. ~ **пахнет грибами** буи тези занбуруғ меояд

остро́ *нареч.* тез, нешдорона, зарофатгуёна, бо зарофат

остро- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маъноҳои зерин меояд:*

1) «*тез*», «*бурро*» — **остроглазый** тезчашм, тезбин; 2) «*хеле*», «*баҒоят*», «*тез*», «*зуд*», «*баланд*» — **острозаразный** тезсирояткунанда

остров *м* ҷазира; **необитаемый ~** ҷазираи беодам

островерх||ий, -ая, -ое нугтез, борик-сар, нугдароз; **~ая шапка** телпаки нугдароз

островитянин *м* ҷазиранишин, аҳли ҷазира

островн||ой, -ая, -ое ...и ҷазира, ҷазирагӣ; **~ые жители** сокинони ҷазира

островок *м уменьш. к* **остров**

острог *м* 1. *ист.* девори қалъа 2. *ист.* қалъа, истеҳком 3. *уст.* зиндон, ҳабсхона, маҳбас; **сидеть в ~е** дар зиндон нишастан

острог||а *ж* соскан; **бить рыбу ~ой** бо соскан моҳи задан

острогать *сов. см.* **обстрогать**

остроглазый, -ая, -ое (остроглаз, -а, -о) *разг.* тезчашм, тезбин

острогубцы *тк. мн.* газанбур

острожный, -ая, -ое *уст.* 1. ...и зиндон, ...и ҳабсхона, ...и маҳбас 2. *в знач. сущ.* **острожный** *м* маҳбус, бандӣ, зиндонӣ

острозубцы *тк. мн. см.* **острогубцы**

остроконечный, -ая, -ое (остроконеч|ен, -на, -но) нӯгтез, нугдароз, нугборик

остролицый, -ая, -ее (остролиц, -а, -е) дарозру, руйдароз, қоқинаруй

остронос, остроносик *м* тумшуқмоҳӣ (*навъи моҳии баҳрӣ*)

остронос||ый, -ая, -ое (остронос, -а, -о) 1. (*о живых существах*) биниборик, борикбинӣ; нулдароз; **~ый мальчишка** бачаи биниборик 2. (*о предметах*) нӯгтез, нугборик, нулдароз, нулборик; **~ые туфли** туфлии нугборик

остропёстр *м*, **остропестро** *с нескл. бот.* хоршутур, шутурхор

острорылый, -ая, -ое дарозтумшуқ, фукборик

острослов *м* аскиягуй, базлагуй, ҳозирҷавоб, теззабон

острословие *с* аскиягуӣ, базлагуӣ, ҳозирҷавобӣ, теззабонӣ

острословить *несов. см.* **острить** II

острота *ж* аския, латифа, латофат, мутоиба, зарофат, базла; **сыпать ~ми** зарофат гуфтан

острота *ж тк. ед.* 1. тезӣ, буррой, буррандагӣ; **~ лезвия** тезии теғ 2. ҳассосӣ, тезӣ; **~ слуха** ҳассосии қувваи сомеа; **~ зрения** тезбинӣ; **~ ума** хушфаҳмӣ, нозукфаҳмӣ 3. тезӣ, тундӣ; **~ сыра** тундии панир 4. (*язвительность*) тундӣ, тезӣ, нешдорӣ 5. тезутундӣ, ҷиддият, шиддат; **~ положения** ҷиддияти вазъият; **с особенной остротой ощутить что-л.** чизеро махсусан амиқ ҳис кардан

остроугольник *м* тезкунҷа

остроугольный, -ая, -ое тезкунҷа; **~ треугольник** секунҷаи тезкунҷа

остроум, остроумец *м разг.* зариф, мутоибагуй, ҳозирҷавоб

остроумие *с* 1. аскиягуй, латифагуй, мутоибагуй, зарофатгуй, базлагуй, ҳозирҷавобӣ 2. *уст.* хушзеҳнӣ, хушфаҳмӣ, фаросат // (*находчивость*) ҳозирҷавобӣ, зиракӣ

остроумничать *несов. разг.* маҳмаддоной (зарофатфурушӣ) кардан

остроумно *нареч.* мутоибаомез, зарифона, ҳозирҷавобона

остроумн||ый, -ая, -ое (остроум|ен, -на, -но) 1. аскиягуй, мутоибагуй, зариф, ҳозирҷавоб; **~ый собеседник** мусоҳиби зариф; **~ое выражение** мутоиба 2. моҳирона, устоёна; **~ое решение вопроса** ҳалли моҳиронаи масъала

остроухий, -ая, -ое (остроух, -а, -о) гушборик, сихгуш; **~ пёс** саги сихгуш

острохвост||ый, -ая, -ое (острохвост, -а, -о) думборик, сихдум; **~ая птица** паррандаи думборик

остругать *сов. разг. см.* **обстрогать**

остругивать(ся) *несов. разг. см.* **обстрагивать(ся)**

остр||ый, -ая, -ое (остр *и разг.* остёр, остра, остро) 1. тез, бурро; **~ый нож** корди тез; **~ый меч** шамшери бурро; **~ые зубы** дандонҳои тез 2. борик, дароз; **~ый подбородок** манаҳи борик; **~ая бородка** риши борик 3. тез, нозук, дақиқ, зур; **~ое обоняние** қувваи тези шомма; **~ое чутьё** ҳассосӣ; **~ый слух** қувваи зури сомеа; **~ый ум** ақли расо; **~ый взгляд** нигоҳи тез (зиракона) 4. *перен.* талх, тунд, тез, нешдор; **~ое слово** гапи нешдор; **остёр на язык** теззабон 5. *перен.* тез, тунд; дорувордор, Ғализ; **~ый запах** буи тез; **~ый сыр** панири тез 6. *перен. тк. полн. ф.* сахт, зур; аламангез, пурдарду алам; **~ая боль** дарди сахт; **~ая тоска** Ғаму Ғуссаи аламангез; **~ая форма ревматизма** тарбоди сахт 7. *тк. полн. ф. перен.* тезу тунд, шадид, шиддатнок, сахт, зур; **~ые противоречия** зиддияти шадид; **~ая критика** танқиди сахт; **~ый кризис** буҳрони тезу тунд; **~ый момент** лаҳзаи шиддатнок ◇ **~ый угол** *мат.* кунҷи тез; **нож ~ый** *кому* марг (аҷал) барин; **сглаживать ~ые углы** зиддиятро бартараф кардан

остряк *м* аскиягуй, мутоибагуӣ, зарофатгуй, базлагуй, ҳозирҷавоб, теззабон

остудить *сов. что* хунук (сард) кардан; **~ воду** обро хунук кардан

остужать *несов. см.* **остудить**

остужаться *несов. страд.* хунук карда шудан

оступаться *несов. см.* **оступиться**

оступи||ться *сов.* пешпо хурдан, лаҒжидан; **он ~лся и упал** ӯ пешпо хурда афтид

остывание *с* (*по знач. гл.* **остыть**) хунук (сард) шудан(и); **~ воды** хунук шудани об

остывать *несов. см.* **остыть**

остылый, -ая, -ое *уст.* 1. хунукшуда, сардшуда 2. *перен.* бепарво, дилхунук, дилсард

осты||ть *сов.* 1. хунук (сард) шудан; **печка ~ла** печка хунук шуд 2. *перен.* бепарво (беҳавсала, дилхунук, дилсард) шудан; **~ть душой** дилхунук шудан 3. ором (хомуш) шудан, таскин ёфтан, паст шудан, фуру нишастан; **его гнев ~л** Ғазабаш паст шуд

ость *ж бот.* шук, қилтиқ

остяк *м уст.* остяк; *см.* **остяки**

остяки *мн. уст.* остякҳо (*номи пештараи хантҳо*)

остяцкий, -ая, -ое *уст.* ...и остяк, остякӣ

остячка *ж уст.* остякзан, остякдухтар, зани (духтари) остяк; *см.* **остяки**

осуд||ить *сов. кого-что* 1. *юр.* маҳкум кардан; **~ить на длительный срок заключения** ба ҳабси дарозмуҳлат маҳкум кардан 2. номаъқул шумурдан, мазаммат (таъна) кардан; **~ить чей-л. поступок** рафтори касеро мазаммат кардан 3. *на что или с неопр. перен. книжн.* мубтало кардан ◇ **не ~й(те)** *уст.* бубахш(ед), айб накун(ед)

осуждать *несов. см.* **осудить**

осуждаться *несов. страд.* маҳкум карда шудан

осуждающе *нареч.* мазамматомез, таънаомез; **~ посмотреть** таънаомез нигоҳ кардан

осуждающий, -ая, -ее 1. *прич.* мазамматкунанда 2. *прил.* мазамматомез, таънаомез; **~ взгляд** нигоҳи таънаомез

осуждение *с* 1. *юр.* маҳкумкунӣ; **~ преступника** маҳкум кардани ҷинояткор 2. (*неодобрение*) мазаммат, таъна, сарзаниш

осуждённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* маҳкум кардашуда 2. *в знач. сущ.* **осуждённый** *м*, **осуждённая** *ж* маҳкум, гунаҳкор; **~ых отправили в тюрьму** маҳкумҳоро ба ҳабсхона фиристоданд

осуну||ться *сов.* лоҒар (хароб) шудан, коҳидан; **он очень ~лся** у хеле коҳидааст

осушать *несов. см.* **осушить** ◇ **не ~ глаз** гирьяро бас накардан

осушаться *несов. страд.* хушк карда шудан

осушение *с* (*по знач. гл.* **осушить** 1) хушк кардан(и), хушконӣ; **~ болот** хушк кардани ботлоқҳо

осушённ||ый *прич., прил.* хушконидашуда; **~ые земли** заминҳои хушконидашуда; **вести хозяйство на ~ых землях** дар заминҳои хушконидашуда киштукор-кардан

осушитель *м* (*канал*) заҳбур

осушительн||ый, -ая, -ое ...и хушккунӣ; **~ые работы** заҳбуркани; **~ый канал** канали заҳкаш

осушить *сов. что* 1. хушк кардан, хушконидан; **~ болота** ботлоқҳоро хушк кардан 2. нушида холӣ кардан, дам кашидан; **~ бокал** қадаҳро холӣ кардан ◇ **~ [свои] слёзы** гирьяро бас кардан; **~ слёзы чьи-л., кому-л.** касеро тасалло додан

осушка *ж см.* **осушение**

осуществимость *ж* иҷрошавандагӣ, қобили иҷро будан(и); **~ проекта** қобили иҷро будани лоиҳа

осуществим||ый, -ая, -ое (осуществим, -а, -о) иҷрошаванда, қобили иҷро; **~ое желание** майли иҷрошаванда; **~ый план** плани иҷрошаванда

осуществить *сов. что* иҷро кардан, ба ҷо (ба амал) овардан, ҷомаи амал пушондан; **~ план** планро иҷро кардан; **~ социально-экономические преобразования** дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодиро ба амал баровардан

осуществи||ться *сов.* иҷро шудан, ба вуҷуд (ба амал) омадан, ҷомаи амал пӯшидан; **его желание ~лось** ӯ ба муродаш расид

осуществление *с* (*по знач. гл.* **осуществить**) иҷрокунӣ, бавуҷудоварӣ; (*по знач. гл.* **осуществиться**) иҷрошавӣ, ба вуҷуд омадан(и); **~ мечты** иҷрошавии орзу

осуществлять *несов. см.* **осуществить**; **~ руководство** роҳбарӣ кардан; **~ контроль** назорат ҷорӣ кардан

осуществляться *несов.* 1. *см.* **осуществиться**; 2. *страд.* иҷро карда шудан

осциллограмма *ж* осциллограмма (*хатти каҷи ягон хел процесси электрики, ки осциллограф сабт кардааст*)

осциллограф *м* осциллограф (*асбоби сабти хусусияти процессҳои электрики*)

осциллоскоп *м* осциллоскоп (*асбоб барои дидани процессҳои электрикӣ*)

осциллятор *м* осциллятор (*системаи ҷисмҳое, ки ба ларзишҳои механикӣ, электромагнитӣ ва ғ. қобил аст*)

осчастливить *сов. кого-что* хушбахт (некбахт) кардан, саодатманд гардондан, масъуд кардан

осыпаемость *ж с.-х.* хусусияти пошхурӣ; резиш, фурурезӣ

осыпание *с* (*по знач. гл.* **осыпать**) пошидан(и), пош додан(и); рехтан(и); (*по знач. гл.* **осыпаться**) резиш, рехтан(и), фурурезӣ; **~ зерна** рехтани ғалла

осыпать *сов.* 1. *кого-что* пошидан, пош додан, саросар чошидан 2. *что* (*густо усеять*) пур кардан, пушидан; моломол нишастан, мӯру малах барин часпидан 3. *кого-что чем перен.* сарфароз кардан, файзьёб кардан, борондан; **~ поцелуями** бисьёр бусидан; **~ упрёками** таънаборон кардан; **~ бранью** дашномборон кардан 4. *что* (*лишиться листвы, лепестков и т. п.*) рехтан, хазонрез шудан, резондан 5. *что* пош додан, пароканда кардан, канда партофтан; **~ кучу песка** хоктударо пош додан

осыпать *несов. см.* **осыпать**

осыпа||ться *сов.* 1. фуру рехтан, рехта фуру рафтан (пош хурдан), рехта афтидан (ғалтидан); **штукатурка ~лась** андова фурӯ рехт 2. (*о листьях и т. п.*) рехтан, хазонрез шудан; **листва уже ~лась** баргҳо кайҳо хазон шудаанд // (*о деревьях*) бебарг (бараҳна) шудан; **ива ~лась** баргҳои дарахти бед рехтанд 3. (*усеяться*) пур (фаро гирифта) шудан

осыпаться *несов.* 1. *см.* **осыпаться**; 2. *страд.* пошида шудан

осыпка *ж разг. см.* **осыпание**

осыпь *ж геол.* рез, хокреза, сангреза

ось *ж* 1. тир; **~ телеги** тири ароба 2. тир, меҳвар; **~ вращения** меҳвари гардиш 3. *перен.* меҳвар, марказ

осьминог *м* ҳаштпо

осьмушка *ж уст. см.* **восьмушка**

осязаемость *ж* 1. ламсшавандагӣ, ламспазирӣ 2. *перен.* ба назар намоён будан(и), барҷаста будан(и)

осязаемый, -ая, -ое 1. *прич.* ламсшаванда 2. *прил.* ламсшаванда, ламспазир 3. *прил. перен.* ба назар намоён, барҷаста

осязани||е *с* ламс, кувваи ломиса; **органы ~я** узвҳои ломиса

осязательность *ж* ба назарнамоён (қобили таваҷҷуҳ) будан(и), барҷастагӣ; **~ результатов** қобили таваҷҷуҳ будани натиҷаҳо

осязательн||ый, -ая, -ое (осязате|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* ламскунанда, ...и кувваи ломиса; **~ые органы** узвҳои ломиса 2. *перен.* ба назар намоён, қобили таваҷҷуҳ, барҷаста; **~ые результаты** натиҷаҳои барҷаста

осязать *несов.* 1. *кого-что* ламс кардан; **~ пальцами** бо ангуштон ламс кардан 2. *что перен.* дарк (ҳис) кардан, фаҳмида гирифтан, пай бурдан

от (ото) *предлог с род.* 1. (*при указании на исходную точку чего-л.*) аз, ...и; **отойти от дома** аз хона дур рафтан; **в десяти километрах от города** аз шаҳр даҳ километр дур; **немой от рождения** гунги модарзод; **десяти лет от роду** дар синни даҳсолагӣ // *с предлогами «до», «к»* аз... то...; **от города до станции** аз шаҳр то станция; **от начала до конца** аз аввал то охир; **от двенадцати до трёх часов** аз соати дувоздаҳ то се; **от зари до зари** аз субҳ то шом; **дети от восьми до десяти лет** бачагони аз ҳаштсола то даҳсола; **мороз от десяти до пятнадцати градусов** сармо аз даҳ то понздаҳ дараҷа; **перейти от слов к делу** аз гап ба амал гузаштан 2. (*при указании на источник чего-л.*) аз, ...и; **я узнал об этом от брата** ман инро аз бародарам шунидам (фаҳмидам); **письмо от сына** мактуби писар 3. (*вследствие, по причине*) аз; **трава пожелтела от солнца** алаф аз офтоб зард шудааст; **дрожать от страха** аз тарс ларзидан; **смеяться от радости** хурсанд шуда хандидан 4. (*при указании на лицо, предмет, явление и т. п., которые устраняются*) аз; **избавиться от опасности** аз хатар халос шудан; **защищать город от врага** шаҳрро аз душман ҳимоя кардан 5. (*против*) аз, ...и; **средство от кашля** доруи сулфа 6. (*при противопоставлении, сопоставлении*) аз, назар ба, нисбат ба; **второе издание книги сильно отличается от первого** нашри дуюми китоб аз нашри якуми он фарқи калон дорад 7. (*при указании целого, от которого берется часть*) аз; **отрезать ломоть от хлеба** аз нон порае шикаста гирифтан; **оторвать пуговицу от пальто** тугмаро аз пальто кандан 8. (*при указании на принадлежность*) ...и; **ключ от двери** калиди дар; **представитель от писателей** намояндаи нависандагон 9. (*при указании даты*) ...и, аз таърихи...; **приказ от шестнадцатого августа** фармони шонздаҳуми август 10. (*при указании на временную последовательность*) аз, то, ба; **год от году** сол аз сол, сол то сол, сол ба сол; **день ото дня** рӯз ба рӯз, руз то руз; **время от времени** гоҳ-гоҳ, баъзан ◇ **от всего сердца** бо ҷону дил, аз таҳти дил; **от души** бо ҷону дил; **от лица кого-л.** аз номи касе; **от мала до велика** аз хурд то калон, сағиру кабир; **от нечего делать** аз бекорӣ; **от природы он застенчив** у табиатан шармгин аст; **написанный от руки** дастӣ навишташуда; **писать от руки** дастӣ навиштан

от- (ото-, отъ-) *приставка* 1. *префикси феълсоз, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *дур шудан, дур рафтан* — **отбежать** давида дур шудан 2) *ҷудо кардан, кушодан* — **отрезать** буридан, бурида гирифтан; **отвязать** кушодан, яла кардан 3) *амали ҷавобӣ* — **откликнуться** ҷавоб додан 4) *тамом шудан, қатъ шудан* — **отцвести** аз гул фуромадан 5) *тамом шудани коре* — **отгладить** дарзмол карда шудан 6) *тарк кунондан* — **отучить** тарки одат кунондан 7) *карахт кунондан, хобондан* — **отсидеть** карахт кунондан 8) (*бо ҳиссачаи «-ся»*) *бо ягон баҳона кореро накардан* — **отговориться** баҳонаҷуӣ кардан 2. *префикси сифатсоз* — **отглагольный** феълӣ

отава *ж* алафи дубораруида

отапливание *с* (*по знач. гл.* **отопить**) гарм кардан(и), тафсондан(и); **~ углём** бо ангишт гарм кардан(и)

отапливать *несов. см.* **отопить**

отапливаться *несов. страд.* гарм карда шудан

отара *ж* рама

отарщик *м* чупон, шубон, даҳмарда

отбавить *сов. что, чего* кам кардан, костан, гирифта кам кардан; **~ молока** камшир кардан; **~ муки** каморд кардан

отбавка *ж разг. см.* **отбавление**

отбавление *с* (*по знач. гл.* **отбавить**) кам кардан(и), гирифта камкунӣ

отбавля||ть *несов. см.* **отбавить** ◇ **хоть ~й** лак-лак; **самолюбия у него хоть ~й** иззати нафсаш ҳад надорад

отбавляться *несов. страд.* кам карда шудан

отбалансировать *сов. что тех.* мувозин кардан

отбарабани||ть *сов.* 1. *разг.* нақора (табл) зада шудан 2. *что, чем и без доп. разг.* сарам-дилам навохтан; **~ть на рояле вальс** вальсро бо рояль сарам-дилам навохтан 3. *что и без доп. перен. разг.* бидиррос задан; **~ть урок** бидиррос зада гуфтан 4. *что перен. прост.* кор кардан (*муддате*);

он за меня́ ~л три дня у се руз аз ҷониби ман кор кард
отбе́гать *сов. см.* **отбе́гаться**
отбе́гаться *сов. разг.* тохта (давида) шудан, маҷоли давидан надоштан
отбежа́ть *сов.* давида (тохта) дур шудан, ба як тараф гурехтан; ~ **на не́сколько шаго́в** якчанд қадам давида дур шудан
отбе́ливание *с (по знач. гл.* **отбели́ть)** шустагарӣ, шустагарӣ кардан(и); *(по знач. гл.* **отбели́ться)** шустагарӣ шудан(и); ~ **тка́ни** шустагарӣ кардани матоъ
отбе́ливать *несов. см.* **отбели́ть**
отбе́ливаться *несов.* 1. *см.* **отбели́ться;** 2. *страд.* шустагарӣ карда шудан
отбе́ливающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* шустагарикунанда 2. *прил.* ...и шустагарӣ; ~**ие сре́дства** воситаҳои шустагарӣ
отбели́ть *сов. что* шустагарӣ кардан; ~ **холст** карбосро шустагарӣ кардан
отбели́||ться *сов.* шустагарӣ шудан; **полотно́** ~**лось** катон шустагарӣ шуд
отбе́лка *ж см.* **отбе́ливание**
отбе́лочн||ый, -ая, -ое ...и шустагарӣ; ~**ые материа́лы** масолеҳи шустагарӣ
отбе́льный, -ая, -ое ...и шустагарӣ; ~ **цех** цехи шустагарӣ
отбе́льщик *м* шустагар; ~ **пря́жи** шустагари калоба
отбива́ние *с (по знач. гл.* **отби́ть** 1—9) зада гирифтан(и); нишон додан(и)
отбива́ть *несов. см.* **отби́ть** ◇ ~ **дробь** реза навохтан (задан); ~ **покло́ны** *уст.* саҷда кардан; ~ **шаг** муназзам қадам задан
отбива́ться *несов.* 1. *см.* **отби́ться;** 2. *страд.* зада гардонда шудан
отби́вка *ж (по знач. гл.* **отби́ть** 8, 9) дами *чизеро* тез кардан(и); ишора кардан(и); ~ **косы** тез кардани дами пойдос
отбивн||о́й, -ая, -ое 1. кубанда; ~**о́й мо́лот** болғаи кубанда 2. *кул.* куфта, нимкуб; ~**ая котле́та** котлетаи куфта // *в знач. сущ.* **отбивна́я** *ж то же что* ~**ая котле́та**
отбира́ть *несов. см.* **отобра́ть**
отбира́ться *несов. страд.* мусодира карда шудан
отби́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* шикаста-шуда 2. *прил.* шикаста, маиб; **ча́йник с** ~**ой ру́чкой** чойники дастакшикаста
отби́ть *сов.* 1. *что* шикастан, кандан, ҷудо кардан; ~ **ру́чку у ча́йника** дастаки чойникро шикастан 2. *что* зада гардондан, зада дур кардан; ~ **мяч** тубро зада гардондан // *кого-что* дафъ (рад) кардан, зада ақиб рондан; ~ **врага́** душманро зада ақиб рондан; ~ **нападе́ние** ҳуҷумро дафъ кардан; ~ **уда́р меча́** зарбаи шамшерро рад кардан 3. *кого-что* зада гирифтан, бо задухурд халос кардан; ~ **ору́дия у проти́вника** тӯпҳоро аз дасти душман зада гирифтан 4. *кого-что разг.* аз роҳ баровардa гирифтан; ~ **му́жа у кого́-л.** шавҳари касеро аз роҳ баровардa гирифтан 5. *что разг.* равондан; гардондан, пир (кур) кардан; ~ **за́пах** буи чизеро равондан; ~ **охо́ту** рағбати касеро гардондан; ~ **аппети́т** иштиҳои касеро кӯр кардан // *от кого-чего прост.* дилхунук (дилсард, дур) кардан; ~ **от до́му** аз хона дилхунук кардан 6. *что* нишон додан, навохта нишон додан; ~ **такт** зарби оҳангеро нишон додан 7. *что* зада абгор кардан; ~ **но́ги** пойҳоро зада абгор кардан 8. *что* дами *чизеро* тез кардан; ~ **ко́су** дами пойдосро тез кардан 9. *что* ишора кардан, кашидан; ~ **шнуро́м черту́** раҷҷа задан 10. занг зада шудан; **часы́ отби́ли по́лночь** нисфи шаб соат занг зад ◇ ~ **хлеб у кого́-л.** нони касеро нимта кардан
отби́ться *сов.* 1. шикаста ҷудо шудан (ғалтидан); **у ча́йника отби́лся но́сик** нӯли чойник шикаста ҷудо шуд 2. ҳуҷумро дафъ кардан, зарбаро рад кардан; ~ **от врага́** ҳамларо дафъ кардан // *прост. (отделаться)* халос шудан, раҳо ёфтан 3. ҷудо шудан, ақиб мондан; **овца́ отби́лась от ста́да** гусфанд аз рама ақиб мондааст 4. *от кого-чего разг.* дилхунук (дилсард, дур) шудан, худро канор гирифтан; ~ **от до́ма** аз хонаю рузгор дилхунук шудан ◇ ~ **от рук** бенӯхта (бесар) шудан
отблагодари́ть *сов. кого-что* 1. *книжн.* ташаккур (раҳмат) гуфтан, сипосгузорӣ (миннатдорӣ) кардан 2. *(вознаградить за услугу)* ҳаққи хизматро дода хурсанд кардан
о́тблеск *м* 1. партав, шӯъла, шунаҳ, табошир; ~ **зари́** табошири субҳ 2. *перен.* инъикос, осор, нақш; ~ **пре́жней сла́вы** осори шуҳрати пешина
отбле́скивать *несов.* партав (шуъла) афкандан // *чем* дурахшидан, ҷило додан
отбо́й *м* 1. *(по знач. гл.* **отби́ть** 2, 8, 9) зада гардондан(и); дафъ (рад) кардан(и); кашидан(и); *(по знач. гл.* **отби́ться** 2) ҳуҷумро дафъ кардан(и); ~ **мяча́** зада гардондани туб 2. сигнали бозгашт; **дать** ~ сигнали бозгашт додан; **бить** ~ 1) табли бозгашт задан 2) *перен.* аз карор (аз қавл, аз фикри пештара) гаштан; ~ **возду́шной трево́ги** бонги тамом шудани хатари ҳавоӣ ◇ **отбо́ю (отбо́я) нет** *от кого-чего* беҳад зиёд, ниҳоят бисьёр
отбо́йка *ж (по знач. гл.* **отби́ть** 1) *горн.* зада шикастан(и), кандан(и); ~ **у́гля** ангиштканӣ
отбо́йный, -ая, -ое *горн.* ...и маъданканӣ, ...и конканӣ, ...и ангиштканӣ; ~ **молото́к** метини маъданканӣ
отбо́йщик *м горн.* маъданкан, конкан
отболе́ть *сов. чем разг.* бемор (касал) шуда гирифтан
отбомби́ть *сов.* 1. *что разг.* бомбаборон кардан, бомба партофтан 2. *см.* **отбомби́ться**
отбомби́ться *сов. разг.* бомбапартоӣ карда шудан
отбо́р *м* 1. *(по знач. гл.* **отобра́ть)** ҷудо карда гирифтан(и), хуш карда гирифтан(и); ~ **семя́н** ҷудо карда гирифтани тухмӣ 2. *биол.* интихоб; **есте́ственный** ~ интихоби табиӣ; **иску́сственный** ~ интихоби сунъӣ
отбо́рка *ж (по знач. гл.* **отобра́ть** 2) *разг.* ҷудо карда гирифтан(и)
отбо́рн||ый, -ая, -ое 1. яккачин, сара, аъло, хуб; ~**ое зерно́** ғаллаи яккачин 2. *разг.* қабеҳ; ~**ая ру́гань** алфози қабеҳ
отбо́рочн||ый, -ая, -ое ...и хостагирӣ, ...и ҷудокардагирӣ, ...и яккачинкунӣ, интихобӣ; ~**ые соревнова́ния** мусобиқаҳои интихобӣ; ~**ая коми́ссия** комиссияи ҷудокардагирӣ
отбо́рщик *м (рабочий)* ҷудокунанда, саракунанда
отбоя́риваться *несов. см.* **отбоя́риться**
отбоя́риться *сов. от кого-чего разг.* сар кашидан, гардан тофтан, ру печондан, коргурезӣ кардан; ~ **от поруче́ния** аз супориш гардан тофтан
отбракова́ть *сов. что* сараву сақат кардан; ~ **гото́вую проду́кцию** маҳсулоти тайёрро сараву сақат кардан
отбрако́вка *ж (по знач. гл.* **отбракова́ть)** сараву сақаткунӣ
отбрако́вывать *несов. см.* **отбракова́ть**
отбрако́вываться *несов. страд.* сараву сақат карда шудан
отбра́ниваться *несов. разг.* ҷавобан ҳақорат (дашном) додан
отбрани́ть *сов. кого разг.* ҳақорат (дашном) додан
отбрани́ться *сов. см.* **отбра́ниваться**
отбра́сывание *с (по знач. гл.* **отбро́сить, отброса́ть)** андохтан(и), партофтан(и); як-як партофтан(и)
отбра́сывать *несов. см.* **отбро́сить** *и* **отброса́ть**
отбра́сываться *несов. страд.* андохта (партофта) шудан
отбрести́ *сов.* оҳиста-оҳиста дур шудан, ба оҳистагӣ монда рафтан
отбрива́ть *несов. см.* **отбри́ть** 2
отбри́||ть *сов. разг.* 1. *кого-что* тарошида (гиронда) тамом кардан 2. *кого перен.* боб (соз) кардан, танбеҳ додан; **он меня́ так** ~**л!** у маро хуб боб кард!
отброди́||ть *сов. разг.* ҷӯшида расидан *(оид ба машрубот)*; **пи́во** ~**ло** пиво ҷушида расид
отброса́ть *сов. что разг.* як-як партофтан, паи ҳам ғуррондан; ~ **ка́мни** сангҳоро як-як партофтан
отбро́сить *сов.* 1. *кого-что* дур афкандан, андохтан, партофтан; ~ **ка́мень с доро́ги** сангро аз роҳ гирифта партофтан; **взры́вом его́ отбро́сило в сто́рону** *безл.* таркиш уро ба як су афканд; ~ **за́навес** пардаро кушода партофтан 2. *что перен.* дур (рад) кардан; ~ **сомне́ния** шакку шубҳаро рад кардан; ~ **страх** тарсро дур кардан 3. *кого-что* зада ақиб нишондан, ақиб рондан, гурезондан; ~ **проти́вника** душманро зада ақиб рондан 4.

что перен. (*тень, луч, свет и т. п.*) андохтан, афкандан; ~ **тень** соя афкандан

отброска *ж* (*по знач. гл.* **отбросить** I *и* **отбросать**) *разг.* афкандан(и), партофтан(и); ~ **камней** дур партофтани сангҳо

отбро́с||ы *мн.* (*ед.* **отбро́с** *м*) ахлот, пасафкандаҳо, партовҳо; **яма для ~ов** чуқурии ахлот // *перен.* партовҳо, фосидахлоқон; **~ы общества** партовҳои ҷамъият

отбрыкаться *сов. см.* **отбрыкиваться**

отбры́кива||ться *несов.* 1. лагад (лағат) задан, лагад кардан; **лошадь ~лась** асп лагад мезад 2. *перен. прост.* гардан тофтан, ру гардондан, сар печидан; **он всячески ~лся от этого поручения** у бо ҳар роҳ аз ин супориш рӯ мегардонд

отбукси́ровать *сов. что* ядак (етак) кардан; ~ **су́дно** киштиро ядак кардан

отбуксироваться *сов.* ядак (етак) шудан

отбуксиро́вка *ж* (*по знач. гл.* **отбукси́ровать**) ядак (етак) кардан(и); (*по знач. гл.* **отбукси́роваться**) ядак (етак) шудан(и)

отбури́ть *сов.* 1. *что горн.* парма кардан, чоҳ кандан; ~ **нефтяну́ю сква́жину** чоҳи нафтро кандан 2. *что и без доп.* (*кончить бурить*) парма карда шудан

отбу́чивать *несов. см.* **отбу́чить**

отбу́чить *сов. что* ишқоршу кардан; ~ **бельё** либосҳоро ишқоршу кардан

отбушевать *сов.* паст (ором) шудан, таскин ёфтан (*оид ба талотум ва туфон*)

отбывание *с* (*по знач. гл.* **отбы́ть** 2) тамом кардан(и), ба ҷо овардан(и), буд кардан(и); ~ **сро́ка наказа́ния** тамом кардани муҳлати ҷазо

отбыва́ть *несов. см.* **отбыть**

отбы́вка *ж прост. см.* **отбыва́ние**

отбы́ти||е *с* (*по знач. гл.* **отбыть**) равонашавӣ, бароҳдарой, азимат; тамом кардан(и), ба ҷо овардан(и), буд кардан(и); **~е по́езда** рафтани поезд; **по ~и сро́ка наказа́ния** баробари тамом кардани му́ҳлати хабс

отбыть *сов.* 1. равон(а) шудан, рафтан, ба роҳ даромадан, роҳсипор шудан, ба сафар баромадан; **делега́ты о́тбыли в Москву́** вакилон ба Москва рафтанд, вакилон озими Москва шуданд 2. *что* тамом кардан, ба ҷо овардан, гузарондан, буд кардан; ~ **карау́л** *воен.* [вакту соати] посбониро тамом кардан

отва́г||а *ж* диловарӣ, шуҷоат; **прояви́ть ~у** шуҷоат нишон додан

отва́дить *сов. кого от чего разг.* тарки одат кунондан; ~ **от дурно́й привы́чки** одати бадро тарк кунондан; ~ **кого́-л. от до́ма** пою қадами касеро аз хона канондан

отва́диться *сов. разг.* тарки одат кардан

отва́живать *несов. см.* **отва́дить**

отва́живаться I *несов.* 1. *см.* **отва́диться**; 2. *страд.* тарки одат карда шудан

отва́живаться II *несов. см.* **отва́житься**

отва́жи||ться *сов.* ҷуръат (ҷасорат) кардан; **никто́ на э́то не ~лся** касе ба ин кор ҷасорат накард

отва́жно *нареч.* диловарона, шуҷоатмандона

отважность *ж* диловарӣ, шуҷоатмандӣ

отважный, -ая, -ое (отва́ж|ен, -на, -но) диловар, шуҷоатманд, шердил

отва́л *м* 1. (*по знач. гл.* **отвали́ть** 1, 3) кашида ба як тараф мондан(и), чаппагардонкунӣ, фуруғалтонӣ; ба роҳ даромадан(и), аз бандар баромадан(и); ~ **гру́нта гре́йдером** хокгардонӣ бо грейдер; ~ **парохо́да в де́вять утра́** киштӣ соати нуҳи пагоҳӣ аз бандар мебароянд 2. *с.-х.* хокгардон; **плуг с ~ом** плуги хокгардон 3. (*пласт земли*) қабати чаппашудаи хок 4. (*насыпь*) хокреза, хоктеппа, хоктуда; **ша́хтные ~ы** хоктудаҳои кон ◇ **до ~а** (~у) то сер шудан; **корми́ть до ~а** аз ҳад зиёд хӯрок додан, пур хурондан; **нае́сться до ~а** пур хурдан

отваливание *с см.* **отвал** I

отваливать *несов.* 1. *см.* **отвали́ть**; 2. *повел.* **отва́ливай(те)!** *груб. прост.* гум (дафъ, нест) шав(ед)!

отва́лива||ться *несов.* 1. *см.* **отвали́ться**; 2. *страд.* чаппагардон карда шудан ◇ **ру́ки ~ются у кого́-л.** мадори дасташ хушк шуд

отвали́ть *сов.* 1. *что* кашида ба як тараф мондан, чаппагардон кардан, фуру ғалтондан; ~ **бревно́** ғулачӯбро кашида ба як тараф мондан 2. *что прост.* саховат кардан, хайр кардан, бо дасти кушод додан; ~ **сто рубле́й** сад сум хайр кардан 3. ба роҳ даромадан, аз бандар баромадан; **парохо́д отвали́л от при́стани** киштӣ аз бандар ба роҳ даромад

отвали́||ться *сов.* 1. ҷудо (канда) шуда афтидан, фуру рехтан; **штукату́рка ~лась** андоваи девор ҷудо шуда афтид 2. *прост.* (*перестать прислоняться к чему-л.*) дур шудан, ҷудо шудан 3. *разг.* такья кардан, пушт ба *чизе* додан; **~ться на спи́нку кре́сла** ба пуштаки курсӣ такья кардан ◇ **ру́ки не отва́лятся у тебя́** (**у него́, у неё**) *прост.* намемурӣ (намемурад)

отва́лка *ж* (*по знач. гл.* **отвали́ть** 1) кашида ба як тараф мондан(и); ~ **угля́** кашида ба як тараф мондани ангишт

отва́льный, -ая, -ое 1. ...и хокгардон, чаппагардонкунанда; ~ **нож гре́йдера** дами хокгардони грейдер 2. ...и сафар; ~ **гудо́к парохо́да** бонги сафари киштӣ 3. *в знач. сущ. разг.* **отва́льная** *ж* базми видоӣ, зиёфати хайрбод

отва́льщик *м* (*рабочий*) конкан

отваля́ть *сов. что* 1. намадмолӣ кардан; ~ **кошму́** намад молидан 2. *прост.* (*небрежно сделать*) сарам-дилам (дилу бедилон) кардан

отва́р *м:* **ри́совый** ~ биринҷоба

отваривание *с* (*по знач. гл.* **отвари́ть**) обпаз кардан(и), дар об ҷушондан(и)

отва́ривать *несов. см.* **отвари́ть**

отва́риваться *несов.* 1. *см.* **отвари́ться**; 2. *страд.* обпаз карда шудан

отвари́ть *сов. что* обпаз кардан, дар об ҷушондан; ~ **мя́со** гуштро обпаз кардан

отвари́ться *сов.* обпаз шудан

отва́рка *ж разг. см.* **отва́ривание**

отварн||о́й, -ая, -ое обпаз; **~о́е мя́со** гушти обпаз

отве́дать *сов. что, чего разг.* 1. чашидан, чошнӣ гирифтан; ~ **варе́нья** мураббо чашидан 2. аз сар гузарондан, дидан, чашидан

отведе́ние *с* (*по знач. гл.* **отвести́** 1—4) кӯчондан(и); гардондан(и), ба тарафе равона кардан(и); ~ **ру́сла реки́** ба дигар тараф гардондани маҷрои дарьё

отве́дывать *несов. см.* **отве́дать**

отвезти́ *сов. кого-что* бурдан, кашондан, бурда мондан (*савора*)

отве́ивать *несов. см.* **отве́ять** 1

отве́иваться *несов. страд.* бод дода шудан

отверга́ть *несов. см.* **отве́ргнуть**

отвергаться *несов. страд.* рад (инкор) карда шудан

отве́ргнуть *сов. что* рад (инкор) кардан; ~ **предложе́ние** таклифро рад кардан // *кого* написандидан; беэътибор кардан

отвердева́ние *с* (*по знач. гл.* **отверде́ть**) сахтшавӣ, хушкшавӣ

отвердева́ть *несов. см.* **отверде́ть**

отверде́лость *ж* ҷои сахт; варами сахт

отверде́л||ый, -ая, -ое сахтшуда, хушкшуда; яхкарда; **~ая земля́** замини сахтшуда

отвердение *с* 1. (*по знач. гл.* **отверде́ть** 1) сахтшавӣ, шахшавӣ, хушкшавӣ, қоқшавӣ; ~ **хряще́й** шах шуда мондани тағоякҳо 2. *см.* **отверде́лость**

отверде́||ть *сов.* сахт (шах, хушк, қоқ) шудан, хушкидан; ях кардан; **земля ~ла** замин сафолак бастааст (қоқ шудааст)

отве́рженный, -ая, -ое 1. *прич.* рад (инкор) кардашуда 2. *прил.* рондашуда, радшуда // *в знач. сущ.* **отве́рженный** *м*, **отве́рженная** *ж* радди мардум, радди маърака, мардуд

отверзать *несов. см.* **отве́рзть**

отверза́ться *несов. см.* **отве́рзтись**

отве́рзтись *сов. уст. книжн.* инфитоҳ шудан, во (боз) шудан

отве́рзть *сов. что уст. книжн.* инфитоҳ кардан, во (боз) кардан

отверну́ть *сов. что* 1. тоб дода баровардан (кушодан); ~ **винт** мурватро тоб дода баровардан 2. тофта шикастан, тоб дода кандан, ҷудо кардан; ~ **ку́кле го́лову** каллан зочаро ҷудо кардан 3. қат кардан, барзадан, боло бардоштан; ~ **рука́в** остинро барзадан 4. гардондан, баргардондан; ~ **лицо́ в сто́рону** руйро ба тарафе гардондан

отверну́||ться *сов.* 1. тоб хурда баромадан (кушода шудан) 2. қат (хам,

кач) шудан; **пола́ шу́бы ~лась** домани пустин қат шуд 3. рӯ гардондан, сар кашидан, ру тофтан; **он серди́то ~лся** у бадқаҳрона ру гардонд // *от кого-чего перен.* тарки алоқа кардан, алоқаро кандан

отве́рстие *с* сурох, шикоф, тарқиш, роғ; ~ **в полу́** сурохи тахтафарш; **заде́лать** ~ тарқишро маҳкам кардан

отве́рстись *сов. см.* **отве́рзтись**

отве́рстый, -ая, -ое *уст. книжн.* 1. *прич.* инфитоҳӣ, яла (во) кардашуда 2. *прил.* кушода, во, боз

отве́рсть *сов. см.* **отве́рзть**

отверте́ть *сов. что прост.* 1. тоб дода баровардан (кушодан); ~ **га́йку** ҳалқаи мурватро тоб дода баровардан 2. тофта шикастан, тоб дода кандан; ~ **ку́кле го́лову** каллаи зочаро тоб дода кандан

отверте́||ться *сов. прост.* 1. тоб хурда баромадан (кушода шудан); **га́йка ~лась** ҳалқаи мурват тоб хурда кушода шудааст 2. *от чего перен.* сар печидан, гардан тофтан, халос шудан; **~ться от неприя́тного поруче́ния** аз супориши ногувор сар печидан

отвёртка *ж* винттоб(ак), мурваттоб(ак)

отвёртывать *несов. см.* **отверну́ть** *и* **отверте́ть**

отвёртываться *несов.* 1. *см.* **отверну́ться** *и* **отверте́ться**; 2. *страд.* тоб дода бароварда шудан

отве́с *м* 1. *тех.* шоқул, амуд 2. нишеб, чарӣ, шух; ~ **скалы́** шухи харсанг

отве́сить *сов.* 1. *что, чего* баркашидан, баркашида додан; ~ **мя́са** гушт баркашидан 2. *что прост.* задан, фуровардан; ~ **пощёчину** як торсакӣ фуровардан ◇ ~ **покло́н** дукат шуда салом додан, сари таъзим хам кардан

отве́сно *нареч.* ростбаромада, ростфуромада

отве́сность *ж* шух (рост) будан(и)

отве́сный, -ая, -ое (отве́с|ен, -на, -но) нишеб, чар, шух, ростбаромада, ростфуромада; ~ **бе́рег реки́** соҳили ростфуромадаи дарьё

отвести́ *сов.* 1. *кого-что* бурдан, бурда расондан (мондан); ~ **ребёнка в шко́лу** бачаро ба мактаб бурда мондан 2. дуртар бурдан; кучондан, ақибтар (дарунтар) бурдан; ~ **кого́-л. от окна́** касеро аз назди тиреза дуртар бурдан; ~ **войска́ на пре́жние пози́ции** қушунро ба мавқеъҳои пештара кучондан 3. *что* ба тарафе равона кардан, гардондан, баркандан; ~ **во́ду** обро ба тарафи дигар равона кардан; ~ **глаза́ от кни́ги** чашм аз китоб баркандан 4. *перен.* пешгирӣ (бартараф, дафъ) кардан; ~ **беду́** балоро дафъ кардан 5. *кого-что перен.* рад кардан, қабул накардан, гардондан, бартараф кардан; ~ **кандидату́ру** номзадро рад кардан; ~ **подозре́ние** гумони бадро бартараф кардан 6. *что* ҷудо карда додан, муайян кардан; **го́стю отвели́ лу́чшую ко́мнату** ба меҳмон беҳтарин хонаро ҷудо карда доданд 7. *что сад.* фарғуч кардан ◇ ~ **глаза́ кому́-л.** чашми касеро ба хато андохтан; ~ **ду́шу** 1) мурод ҳосил кардан 2) дил холӣ кардан, дарди дил гуфтан

отве́т *м* 1. ҷавоб, посух; **положи́тельный** ~ ҷавоби мусбат; **получи́ть** ~ **на письмо́** ба мактуб ҷавоб гирифтан 2. *(отклик)* ҳамовозӣ, ҳамдардӣ, ҳамраъйӣ, тарафдорӣ 3. *мат.* ҷавоб, ҳалли масъала; **пра́вильный** ~ ҷавоби дуруст 4. масъулият, ҷавобгарӣ: **привле́чь к ~у** ба ҷавобгарӣ кашидан ◇ **в** ~ дар ҷавоб, ҷавобан; **сказа́ть в** ~ ҷавоб гуфтан; **услы́шать в** ~ ҷавоб шунидан; **он рассмея́лся в** ~ ӯ ҷавобан хандида монд; [**быть**] **в ~е** масъул (ҷавобгар) будан; **держа́ть** ~ масъул (ҷавобгар) шудан; **ни ~а ни приве́та** на хату на хабар; **семь бед — оди́н** ~ *посл.* ≈ ҳар чӣ бодо бод; об ки аз сар гузашт, чӣ як ваҷаб, чӣ сад ваҷаб

ответви́ть *сов. что* шоха баровардан (кашидан); ~ **ары́к** шохҷӯй кашидан

ответви́ться *сов.* шоха задан, ҷудо (тақсим) шудан

ответвле́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **ответви́ть)** шохакашӣ; *(по знач. гл.* **ответви́ться)** ҷудошавӣ 2. шоха, шохча, навда; **ствол с многочи́сленными ~ями** танаи дарахти сершоха, танаи сершохаи дарахт 3. шоха; **~е желе́зной доро́ги** шохаи роҳи оҳан

ответвля́ть *несов. см.* **ответви́ть**

ответвля́ться *несов.* 1. *см.* **ответви́ться**; 2. *страд.* шоха кашида шудан

отве́тить *сов.* 1. *что, на что, чем и без доп.* ҷавоб (посух) додан, ҷавоб гардондан; ~ **на вопро́с** ба савол ҷавоб додан; ~ **положи́тельно** ҷавоби мусбат додан; **не** ~ **на письмо́** ба мактуб ҷавоб нагардондан // *что и без доп. (рассказать заданное)* ҷавоб додан, гуфта додан, нақл кардан; ~ **уро́к** дарсро гуфта додан 2. *(на зов, звук и т. п.)* ҷавоб (овоз) додан; **на зов конь отве́тил ржа́нием** асп дар ҷавоб шиҳа кашид 3. *(на жест, движение и т. п.)* ҷавоб додан; ~ **на чей-л. покло́н** ба саломи касе ҷавоб додан // *(на какое-л. чувство)* дар навбати худ нағз дидан, меҳр мондан 4. *за кого-что* ҷазо дидан; ~ **за свой посту́пок** барои кирдори худ ҷазо дидан ◇ ~ **голово́й за кого́-что́-л.** барои касе, чизе кафил будан

отве́тн||ый, -ая, -ое ...и ҷавоб, ҷавобӣ; **~ое письмо́** мактуби ҷавобӣ; **~ый визи́т** ташрифи ҷавобӣ

отве́тственно *нареч.* масъулона, масъулиятшиносона; ~ **заяви́ть** масъулиятшиносона изҳор кардан

отве́тственност||ь *ж* 1. ҷиддӣ (муҳим) будан(и); **~ь зада́чи** муҳим будани вазифа 2. масъулият, ҷавобгарӣ; **парти́йная ~ь** масъулияти партиявӣ; **гражда́нская ~ь** масъулияти граждани; **уголо́вная ~ь** ҷавобгарии ҷиноӣ; **чу́вство ~и** ҳисси масъулият; **взять на себя́ ~ь** масъулиятро ба зиммаи худ гирифтан; **нести́ ~ь** масъул шудан; **привле́чь к ~и** ба ҷавобгарӣ кашидан; **под ва́шу ~ь** ҷавобгариаш ба гардани шумо

отве́тственн||ый, -ая, -ое (отве́тствен, -на, -но) 1. масъул, ҷавобгар; **~ый реда́ктор** муҳаррири масъул 2. ҷиддӣ, муҳим; **~ое зада́ние** супориши ҷиддӣ

отве́тствовать *сов., несов. уст.* 1. *(ответить)* ҷавоб (посух) додан 2. *(нести ответственность)* масъул (ҷавобгар) шудан

отве́тчик *м* 1. *юр.* ҷавобгар 2. *разг.* ҷавобгар, масъул

отвеча́ть *несов.* 1. *см.* **отве́тить** 1—3; 2. *за кого-что и без доп.* масъул (ҷавобгар) будан (шудан); ~ **за пору́ченное де́ло** ба кори супурдашуда ҷавобгар будан 3. *чему* мувофиқ (муносиб) будан; ~ **тре́бованиям** ба талабот мувофиқ будан ◇ ~ **голово́й за кого́-что́-л.** барои касе, чизе кафил будан

отве́шивать *несов. см.* **отве́сить**

отве́шиваться *несов. страд.* баркашида шудан

отве́ять *сов.* 1. *что* бод додан (кардан); ~ **зерно́** ғалла бод додан 2. *разг. (кончить веять)* ғаллабодкуниро тамом кардан

отве́яться *сов. см.* **отве́ять** 2

отвива́ть *несов. см.* **отви́ть** 1

отвива́ться *несов. страд.* тофта кушода шудан

отви́ливать *несов. см.* **отвильну́ть**

отвильну́ть *сов. разг.* коргурезӣ кардан; сар печидан, ру тофтан; ~ **от отве́та** аз ҷавоб гурехтан

отвинти́ть *сов. что* тоб дода кушодан, тоб дода яла (во, боз) кардан; ~ **га́йку** ҳалқаи мурватро тоб дода кушодан

отвинти́||ться *сов.* тоб хӯрда баромадан (кушода шудан), тоб хӯрда яла (во, боз) шудан; **га́йка ~лась** ҳалқаи мурват тоб хурда во шудааст

отви́нчивание *с (по знач. гл.* **отвинти́ть)** тоб дода кушодан(и), тоб дода яла кардан(и)

отви́нчивать *несов. см.* **отвинти́ть**

отви́нчиваться *несов.* 1. *см.* **отвинти́ться**; 2. *страд.* тоб дода кушода шудан

отвиса́ть *несов. см.* **отви́снуть**

отвисе́ться *сов. разг.* овезон истода тахт (рост, бечин) шудан *(оид ба либос)*

отви́слость *ж разг.* овезоншавӣ, халташавӣ; ~ **щёк** халташавии лунҷҳо

отви́сл||ый, -ая, -ое овезон; **~ые гу́бы** лабу лунҷи овезон

отви́с||нуть *сов.* овезон (халта, хурҷин) шудан; **карма́ны ~ли** кисаҳо халта шуданд

отвлека́ть *несов. см.* **отвле́чь**

отвлека́ться *несов.* 1. *см.* **отвле́чься** 1; 2. *страд.* ба тарафи дигар кашида шудан

отвлече́нн||е *с* 1. *(по знач. гл.* **отвле́чь)** ба тарафи дигар кашидан(и); *(по знач. гл.* **отвле́чься)** диққати худро ба ҷои дигар ҷалб кардан(и); **для ~я внима́ния** барои ба тарафи дигар ҷалб кардани диққат 2. *уст.* таҷрид

отвлечённо *нареч.* ба таври мавҳум, муҷаррадан; **мыслить** ~ ба таври мавҳум фикр кардан

отвлечённость *ж* 1. мавҳумият, мавҳум (муҷаррад) будан(и); ~ **рассуждений** муҷаррад будани мулоҳиза 2. мулоҳизаи муҷаррад

отвлечённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ба тарафи дигар кашидашуда 2. *прил.* (отвлечён, -на, -но) мавҳум, муҷаррад; ~**ое понятие** мафҳуми муҷаррад 3. *(далёкий от жизни)* аз ҳаёт дур, ғайриҳаётӣ, ғайривоқеӣ; ~**ые разговоры** гапҳои аз ҳаёт дур ◇ ~**ое имя существительное** *грам.* исми маҷҳул; ~**ое число** *мат.* адади мавҳум

отвлечь *сов.* 1. *кого-что* ба тарафи дигар кашидан, ба ҷои дигар ҷалб (ҷазб) кардан; ~ **от дурных мыслей** аз фикрҳои бад дур кардан; ~ **чьё-либо внимание** диққати касеро ба ҷои дигар ҷалб кардан 2. *что (абстрагировать)* таҷрид кардан

отвлечься *сов.* 1. диққати худро ба ҷои дигар ҷалб (ҷазб) кардан; ба кори дигар машғул шудан; ~ **от темы разговора** аз мавзуи гуфтугӯ дур рафтан 2. *(абстрагироваться)* таҷрид кардан

отвод *м* 1. *(по знач. гл.* **отвести**) кӯчондан(и); ба тарафе равона кардан(и); ҷудо карда додан(и); ~ **войск на новые позиции** ба мавқеъҳои нав кучондани қушун; ~ **воды** ба дигар тараф равона кардани об; ~ **земель** ҷудо карда додани замин 2. рад кардан(и), эътироз; **дать** ~ **кандидату** ба муқобили номзаде эътироз кардан 3. шоха; ~ **кабеля** шохаи кабель ◇ **для** ~**а глаз** барои чашмбандӣ; **полоса** ~**а** ҳақраҳа *(қитъаи замине, ки барои иншооти роҳи оҳан, сохтани роҳҳои шоссе ва ғ. ҷудо карда мешавад)*

отводить I *несов. см.* **отвести**

отводить II *сов. кого и без доп. разг. (кончить водить)* бурда шудан

отводиться *несов. страд.* бурда (кучонда) шудан

отводка *ж* 1. *(по знач. гл.* **отвести** 2, 5) ба тарафе равона кардан(и), фарғучкунӣ 2. *(ответвление)* шоха 3. *тех.* тасмагардон

отводной, -ая, -ое *см.* **отводный**

отводн||ый, -ая, -ое ...и партов; ~**ая канава** ништак; ~**ые трубы** қубурҳои партов

отводок *м сад.* фарғуч

отвоевать *сов.* 1. *кого-что* ҷангида ба даст даровардан, ҷанг карда пас гирифтан; ~ **свою землю** замини (хоки) худро ҷангида ба даст даровардан 2. *кого-что перен.* муваффақ (ноил) шудан, ба даст овардан 3. *разг. (кончить воевать)* ҷангро тамом кардан, ҷангида (ҷанг карда) шудан 4. *что и без доп. разг.* ҷанг кардан *(муддате)*

отвоеваться *сов. см.* **отвоевать** 3

отвоёвывать *несов. см.* **отвоевать** 1, 2

отвоёвываться *несов. страд.* ҷангида ба даст даровард шудан

отвоз *м (по знач. гл.* **отвезти**) бурдан(и), кашондан(и) *(савора)*

отвозить I *несов. см.* **отвезти**

отвозить II *сов. кого-что и без доп. разг. (кончить возить)* кашонда шудан

отвозиться I *несов. страд.* бурда шудан

отвозиться II *сов. прост. см.* **отвозить** II

отвозка *ж см.* **отвоз;** ~ **зерна** кашондани ғалла

отвозчик *м* кашонанда

отволакивать *несов. см.* **отволочь**

отволакиваться *несов. страд.* кашолакунон бурда шудан

отволг||нуть *сов.* нам (заҳ) кашидан; **кожа** ~**ла** чарм нам кашидааст

отволочь *сов. кого-что прост.* кашола кардан, кашолакунон бурдан

отворачивать *несов. см.* **отворотить** *и* **отвернуть**

отворачиваться *несов.* 1. *см.* **отворотиться** *и* **отвернуться;** 2. *страд.* гардонда шудан; тоб дода бароварда шудан

отворить *сов. что* кушодан, яла (боз, во) кардан; ~ **дверь** дарро кушодан ◇ ~ **кровь** *кому уст. мед.* раг задан

отвори||ться *сов.* кушода шудан, яла (боз, во) шудан; **окно** ~**лось** тиреза кушода шуд

отворот *м* лабгардон, зеҳкалон; **пиджак с широкими** ~**ами** пиджаки зеҳкалон; **сапоги с** ~**ами** музаи соқгардон

отворотить *сов.* 1. *что разг.* гардондан, ҷунбондан, ғелондан, тагуру кардан; ~ **камень** сангро ғелондан 2. *что прост. (повернуть в сторону)* гардондан, ба тарафе гардондан, баркандан 3. *что прост.* қат кардан, барзадан; ~ **рукава** остин барзадан

отвороти||ться *сов. прост.* 1. *уст.* ру гардондан, ру тофтан, сар кашидан; ~**ться от собеседника** аз мусоҳиб ру гардондан // *перен.* муносибати худро кандан, дилмонда шудан, ихлос гаштан; ~**ться от друзей** аз дустон дилмонда шудан 2. қат шудан; **рукав** ~**лся** остин қат шуд

отворять *несов. см.* **отворить**

отворяться *несов.* 1. *см.* **отвориться;** 2. *страд.* кушода шудан

отвратительно *нареч.* 1. нафратангезона, кароҳатангезона; ~ **пахнет** бун бад дорад 2. *разг.* бад, ганда, расво; **я себя** ~ **чувствую** аҳволам бад аст

отвратительн||ый, -ая, -ое (отвратите|лен, -льна, -льно) манфур, нафратангез, дилбеҷокунанда; бад; ~**ая внешность** афти нафратангез; ~**ый запах** буи бад; ~**ое настроение** димоғи сухта; ~**ая погода** обу ҳавои бад

отвратить *сов.* 1. *что уст. (отвернуть в сторону)* гардондан 2. *что книжн. (предотвратить)* дур (дафъ, бартараф) кардан 3. *кого-что уст. (удержать от чего-л.)* нигоҳ доштан, пешгирӣ кардан, боздоштан

отвратиться *сов. уст.* ру гардондан, ру тофтан

отвратный, -ая, -ое (отврат|ен, -на, -но) *разг. см.* **отвратительный**

отвращать *несов.* 1. *см.* **отвратить;** 2. *кого-что и без доп. уст. (внушать неприязнь)* нафрат (кароҳат) овардан

отвращаться *несов.* 1. *см.* **отвратиться;** 2. *страд.* гардонда шудан

отвращение *с* 1. *уст. (по знач. гл.* **отвратить** 2) дур (дафъ) кардан(и) 2. нафрат, кароҳат, бадбинӣ; **с глубоким** ~**м** бо ниҳояти нафрат; **питать** ~ **к чему-л.** нафрат доштан

отвыкание *с (по знач. гл.* **отвыкнуть**) тарки одат; фаромуш кардан(и)

отвыкать *несов. см.* **отвыкнуть**

отвыкнуть *сов. от кого-чего* 1. *тж. с неопр.* тарки одат кардан, аз одате даст кашидан, одатро партофтан; ~ **от курения** тамокукаширо партофтан 2. бегона шудан, фаромӯш кардан, аз ёд баровардан

отвязать *сов. кого-что* кушодан, яла (во, боз) кардан; ~ **лошадей** аспҳоро кушодан

отвяза||ться *сов.* 1. кушода (яла, во, боз) шудан; **лошадь** ~**лась** асп кушода шуд; **канат** ~**лся** арғамчин кушода шуд 2. *перен. разг.* халос хурдан (шудан); **я насилу от него** ~**лся** аз вай ба зур халос шудам 3. *перен. разг.* ба ҳоли худ гузоштан, чаққа нашудан, безор накардан; **отвяжись от меня!** ба ман чаққа нашав!

отвязка *ж разг. см.* **отвязывание**

отвязывание *с (по знач. гл.* **отвязать**) кушодан(и), яла (во, боз) кардан(и)

отвязывать *несов. см.* **отвязать**

отвязываться *несов.* 1. *см.* **отвязаться;** 2. *страд.* кушода шудан

отгадать *сов. что* ёфтан, фаҳмидан, пай бурдан; ~ **загадку** чистонро ёфтан; ~ **чьи-л. мысли** фикрҳои касеро пай бурдан

отгадка *ж* 1. *(по знач. гл.* **отгадать**) ёфтан(и), фаҳмидан(и), пай бурдан(и) 2. ҷавоби чистон; ҳалли муаммо

отгадчик *м разг.* фолбин, ғайбдон, таъбиркунанда

отгадывать *несов. см.* **отгадать**

отгадываться *несов. страд.* ёфта (пай бурда) шудан

отгиб *м* 1. *(место)* ҷои қат (хамнда) 2. *(отогнутая часть)* қисми қатшуда

отгибание *с (по знач. гл.* **отогнуть**) рост (тахт) кардан(и); хам кардан(и), барзадан(и)

отгибать *несов. см.* **отогнуть**

отгибаться *несов.* 1. *см.* **отогнуться;** 2. *страд.* рост (тахт) карда шудан; барзада шудан

отглагольн||ый, -ая, -ое *грам.* феълӣ; ~**ое существительное** исми феълӣ

отгладить *сов. что* нағз дарзмол кардан; ~ **костюм** костюмро нағз дарзмол кардан

отглади||ться *сов.* дарзмол шудан; **платье хорошо** ~**лось** курта нағз дарзмол шудааст

отглаживать *несов. см.* **отгладить**

отглаживаться *несов.* 1. *см.* **отгладиться;** 2. *страд.* дарзмол карда шудан

отглатывать *несов. см.* **отглотнуть**

отглодать *сов. что разг.* хоида (газида, дандон зада) хурдан

отглотнуть *сов. что, чего и без доп.*

разг. як қулт (ҷуръа) нӯшидан; ~ **молока́** як қулт шир нӯшидан

отгнива́ние *с* (*по знач. гл.* отгни́ть) пӯсида афтидан(и); ~ **сте́бля** пусида афтидани пояи растанӣ

отгнива́ть *несов. см.* **отгни́ть**

отгни́||ть *сов.* пӯсида афтидан; **сук** ~л шохи дарахт пусида афтидааст

отгова́ривать *несов. см.* **отговори́ть** I

отгова́риваться *несов.* 1. *см.* **отговори́ться;** 2. *страд.* аз коре баргардонда шудан

отговори́ть *сов. кого-что* 1. *от чего и с неопр.* маслиҳат дода боздоштан, аз коре баргардондан; ~ **от пое́здки** маслиҳат дода аз нияти сафар баргардондан 2. *что и без доп.* (*кончить говорить*) гап зада шудан, гапро тамом кардан

отговори́ться *сов. от чего, чем* баҳонаҷуӣ кардан, узр овардан; ~ **боле́знью** касалиро баҳона кардан; ~ **дела́ми** серкориро баҳона кардан // *разг.* (*оправдаться*) халос шудан, илоҷ ёфтан, худро сафед кардан

отгово́р||ка *ж* баҳона, қилуқол; **пуста́я** ~**ка** баҳонаи маҳз; **без** ~**ок!** бе қилуқол!

отгово́ры *мн. разг.* маслиҳат надодан(и), аз роҳ гардондан(и), маъқул надонистан(и); **несмотря́ на все** ~, **он поступи́л по-сво́ему** у бо вуҷуди маслиҳат надодани дигарон гуфти худро кард

отголо́с||ок *м* 1. акси садо; ~**ки пе́сен** акси садои сурудҳо 2. *перен.* инъикос, асарот, таъсир, боқимонда; ~**ки собы́тий** таъсири (инъикоси) ҳодисаҳо; ~**ки про́шлого** бокимондаҳои гузашта

отго́н *м* 1. (*по знач. гл.* **отогна́ть** 2, 3) ба чаро бурдан(и), рондан(и), ҳай кардан(и); тақтир, тактир кардан(и); ~ **скота́** ба чаро бурдани чорво; ~ **бензи́на из не́фти** тақтири бензин аз нафт 2. чаро; **жеребя́та на** ~е тойчаҳо дар чаро 3. (*продукт отгонки*) маҳсули тақтир

отго́нка *ж* (*по знач. гл.* **отогна́ть** 3) тақтир, тақтир кардан(и); ~ **не́фти** тақтири нафт

отго́нн||ый, -ая, -ое *с.-х.* чарогоҳӣ; ~**ое животново́дство** чорводории чарогоҳӣ; ~ое пастбище чарогоҳ

отгоня́ть I *несов. см.* **отогна́ть**

отгоня́ть II *сов. кого разг.* ҳай карда шудан

отгоня́ться *несов. страд.* пеш карда шудан

отгора́живание *с* (*по знач. гл.* **отгороди́ть**) ҷудо кардан(и); (*по знач. гл.* **отгороди́ться**) ҷудо шудан(и)

отгора́живать *несов. см.* **отгороди́ть**

отгора́живаться *несов.* 1. *см.* **отгороди́ться;** 2. *страд.* ҷудо карда шудан

отгора́ть *несов. см.* **отгоре́ть**

отгорева́ть *сов. разг.* ғам (ғусса) хӯрда шудан, дигар ғусса нахурдан

отгоре́||ть *сов.* 1. сухта (хомӯш) шудан, аз сухтан мондан 2. сӯхта афтидан; **ве́тка** ~**ла** шохча сухта афтид

отгороди́ть *сов. что* ҷудо кардан, девор кашидан; ~ **у́гол в ко́мнате** ба кунҷи хона парда кашидан // *кого-что перен.* дур (ҷудо) кардан

отгороди́ться *сов.* мулки худро ҷудо кардан, девор кашидан; ~ **ши́рмой** парда кашида ҷудо шудан // *перен.* дур (ҷудо) шудан

отгости́||ть *сов. разг.* 1. муддате меҳмон шудан; **они́** ~**ли у родны́х ме́сяц** дар хонаи хешу табор як моҳ меҳмон шуданд 2. (*кончить гостить*) аз меҳмонӣ баргаштан

отгра́нивать *несов. см.* **отграни́ть**

отграни́ть *сов. что* сайқал додан, суфта кардан; ~ **алма́з** алмос суфтан

отграниче́ние *с* (*по знач. гл.* **отграни́чить**) ҷудо кардан(и); ҳудуд гузоштан(и)

отграни́чивать *несов. см.* **отграни́чить**

отграни́чиваться *несов. страд.* ҷудо карда шудан; ҳад гузошта шудан

отграни́чить *сов. что* ҷудо (фарқ, тафовут, тафриқа) кардан; ҳад (ҳудуд, марза) гузоштан

отгреба́ть *несов. см.* **отгрести́**

отгреме́||ть *сов.* 1. гулдуррос зада (ғуррида, ғулғула андохта) шудан; **гром** ~л гулдурроси раъду барқ тамом шуд 2. *перен.* тамом шудан, ба охир расидан; ~**ли бои́ ҷангҳо** тамом шуданд

отгрести́ *сов.* 1. *что* бел кардан, бо хаскашак тоза кардан; ~ **снег от вхо́да** барфи дами дарро бел кардан 2. бел зада (кашида) дур шудан; ~ **от бе́рега** бел зада аз соҳил дур шудан

отгро́хать *сов.* 1. *разг.* гулдуррос зада (ғуррида) шудан 2. *что прост.* сохтан

отгрохота́ть *сов. разг.* гулдуррос зада (ғуррида) шудан

отгружа́ть *несов. см.* **отгрузи́ть**

отгружа́ться *несов. страд.* бор карда шудан

отгрузи́ть *сов.* бор карда фиристодан, ҳамлу нақл кардан

отгру́зка *ж* (*по знач. гл.* **отгрузи́ть**) ҳамлу нақл кардан(и); ~ **хле́ба** ҳамлу нақли ғалла

отгрыза́ть *несов. см.* **отгры́зть**

отгры́зть *сов. что* хоида (газида) хурдан, хоида чудо кардан, бо дандон кандан (буридан)

отгуде́||ть *сов.* бонг зада шудан, гудок кашида шудан; **гудо́к** ~л гудок тамом шуд

отгу́л *м* отгул (*мурахха́сӣ барои кор кардани зиёда аз вақту соати муқарраршуда*); **получи́ть** ~ отгул гирифтан

отгу́ливать *несов. см.* **отгуля́ть** I

отгу́ливаться *несов. см.* **отгуля́ться**

отгуля́ть *сов. разг.* 1. муддате сайру гашт (саёҳат) кардан; ~ **о́тпуск** муҳлати отпускро тамом кардан // отгул гирифтан; ~ **за ночно́е дежу́рство** ба ивази навбатдории шабона отгул гирифтан 2. *что* ҷашн гирифтан; ~ **сва́дьбу** туйро гузарондан 3. (*кончить гулять*) сайру гаштро тамом кардан

отгуля́ться *сов. прост.* 1. (*нагуляться вволю*) шикамсерӣ ишрат кардан 2. (*откормиться — о скоте*) фарбеҳ (бӯрдоқӣ) шудан

отда||ва́ть *несов.* 1. *см.* **отда́ть;** 2. *чем* буй овардан (омадан); **бо́чка** ~**ёт ры́бой** аз бочка буи моҳӣ меояд // *перен. разг.* чизеро хотиррасои кардан, тобиши (ранги) дигаре доштан; ~**ва́ть старино́й** айёми қадимро ба ёд оварондан

отдава́ться *несов.* 1. *см.* **отда́ться;** 2. *страд.* гашта (пас) дода шудан

отдави́ть *сов. что* зер (пахш, маҷақ) кардан; ~ **кому́-л. но́гу** пои касеро пахш кардан

отда́вливать *несов. см.* **отдави́ть**

отда́вливаться *несов. страд.* зер (пахш) карда шудан

отда́ивать *несов. см.* **отдои́ть** I

отда́иваться *несов. страд.* душида (ҷушида) шудан

отдале́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **отдали́ть**) дур(тар) кардан(и); ба таъхир андохтан(и); (*по знач. гл.* **отдали́ться**) дуршавӣ 2. *уст.* (*даль*) дурӣ, дуродур; **в** ~**и** дар дуродур, аз дур

отдалённо *нареч.* 1. андак, саҳл, як қадар, камтар, тақрибан, тахминан; ~ **напомина́ть что́-л.** ба чизе андак шабоҳат доштан 2. (*отчуждённо, безразлично*) бегонавор, бепарвоёна

отдалённость *ж* дурӣ, дурдастӣ, дур (дар канор) воқеъ будан(и); ~ **от це́нтра** аз марказ дур будан(и)

отдалённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* дур(тар) кардашуда; ба таъхир андохташуда 2. *прил.* (отдалён, -на, -но) дур, дуродур, дурдаст, дурафтода; ~**ый край** кишвари дурдаст // (*о звуках*) аз дур (аз дуродур) оянда; ~**ая канона́да** садои аз дур оянда тӯппаррони 3. *прил.* (отдалён, -на, -но) куҳна, дерина, дур; ~**ое про́шлое** гузаштаи дур 4. *прил.* (отдалён, -на, -но) нозук, кам, андак, саҳл; ~**ый намёк** кинояи нозук; **име́ть** ~**ое схо́дство** андаке монандӣ доштан // (*о родстве*) дур; ~**ое родство́** хешии дур 5. *прил.* (отдалён, -на, -но) (*отчуждённый, безразличный*) бегона, бепарво ◇ **места́ не столь** ~**ые** *уст. и ирон.* бадарға (*одатан Сибирь*)

отдали́ть *сов.* 1. *кого-что* дур(тар) кардан (гузоштан); ~ **предме́т от глаз** чизеро аз пеши чашм дуртар гузоштан 2. *что* дертар (ба дигар вақт) мондан, ба таъхир андохтан; ~ **встре́чу** мулоқотро ба дигар вақт мондан 3. *кого-что* дур кардан (тарки муносибат) кардан, риштаи алоқаро кандан

отдали́ться *сов.* 1. дур шудан (афтидан), дур рафтаи; ~ **от бе́рега** аз соҳил дур шудан // *перен.* дур шудан, баромадан; ~ **от те́мы** аз мавзуъ дур шудан 2. дур шудан, риштаи алоқаро кандан; ~ **от друзе́й** аз дӯстон дур шудан

отдаля́ть *несов. см.* **отдали́ть**

отдаля́ться *несов.* 1. *см.* **отдали́ться;** 2. *страд.* дур(тар) карда шудан

отдание *с:* ~ **чести** саломи ҳарбӣ додан(и)

отдаривать *несов. см.* **отдарить**

отдариваться *несов.* 1. *см.* **отдариться;** 2. *страд.* бахшида шудан

отдарить *сов. кого-что разг.* ҷавобан бахшидан, ҷавобан туҳфа (инъом, ҳадья, тақдим, пешкаш) кардан

отдариться *сов. см.* **отдарить**

отдать *сов.* 1. *кого-что* гардонда (гашта, пас) додан; ~ **долг** қарзи худро адо кардан 2. *кого-что* супурдан, додан; ~ **в собственные руки** ба дасти худаш супурдан; ~ **дом в аренду** ҳавлиро ба иҷора мондан; ~ **в чьё-л. распоряжение** ба ихтиёри касе додан 3. *что* додан, таслим кардан; ~ **город неприятелю** шаҳрро ба душман додан 4. *кого-что перен.* бахшидан, фидо кардан, нисор кардан, дареғ надоштан; ~ **себя искусству** умри худро ба санъат бахшидан; ~ **жизнь за кого-что-л.** барои касе, чизе ҷон фидо кардан 5. *кого-что и с неопр.* додан, мондан; ~ **ребёнка в школу** бачаро ба мактаб мондан; ~ **кого-л. в люди** *уст.* касеро ба хизматгорӣ (ба шогирдӣ) додан; ~ **туфли в ремонт** пойафзолро ба устохона додан // *кого (выдать замуж)* додан; ~ **замуж** ба шавҳар додан 6. *кого-что разг. (продать)* фурухтан, додан; ~ **за бесценок** хеле арзон фурухтан; **даром** ~ муфт додан // *что (заплатить)* пул додан; ~ **за подписку сорок рублей** барои обуна чил сум додан 7. *(об оружии)* такон (лат) додан; **ружьё отдало в плечо** милтик кифтро такон дод // *безл. (об ощущении боли)* хала задан; **у меня отдаёт в спину** миёнам хала мезанад 8. *что мор.* кушодан, яла (ҷудо) кардан; суст кардан; андохтан, партофтан; ~ **якорь** лангар андохтан 9. *прост. (отойти назад)* ақиб гаштан ◇ ~ **богу душу** мурдан, ҷон супурдан; ~ **визит** ҷавобан ташриф овардан; ~ **дань** 1) *кому-чему* ҳақ шумурдан, лоиқ донистан, ба қадри касе, чизе расидан 2) *чему* гузашт (руйхотир) кардан; ~ **дань уважения кому-л.** эҳтироми касеро ба ҷо овардан; ~ **должное,** ~ **справедливость кому** ба қадри кори (хизмати) касе расидан; ~ **кому-л. руку [и сердце]** *уст.* касеро шавҳар ихтиёр кардан; ~ **кому-л. сердце** ба касе дил додан; ~ **поклон** салом додан; ~ **последний долг кому-л.** ба ҷанозаи касе рафтан; ~ **предпочтение кому-чему-л.** ба касе, чизе тарҷеҳ додан; ~ **распоряжение** амр кардан; ~ **себе отчёт в чём-л.** чизеро фаҳмидан (дарк кардан); ~ **честь** 1) *кому воен.* саломи низомӣ додан 2) *кому-чему* арзи эҳтиром кардан; ~ **на поруки** ба кафолат додан, кафил шуда аз ҳабс озод кунондан; ~ **под чей-л. надзор** ба зери назорати касе додан (супурдан)

отдаться *сов.* 1. *кому-чему, на что* худро ба ихтиёри *касе, чизе* супурдан // *кому уст. (сдаться врагу)* таслим (асир) шудан 2. *чему* худро бахшидан; **целиком** ~ **театру** умри худро тамоман ба театр бахшидан; ~ **чему-л. всей душой** ба чизе (ба коре) аз таҳти дил дода шудан; ~ **чему-л. безраздельно** саргарми коре шудан; ~ **мечтам** ғарқи орзуву ҳавас шудан 3. *кому* тан додан 4. *(о звуке)* акси садо додан; **голос гулко отдался в пустой комнате** акси садо дар хонаи холӣ баръалоина ба гуш расид // *в ком-чём (о каком-л. чувстве, ощущении и т. п.)* асар кардан; **острая боль отдалась в голове** дарди сахт ба сар асар кард ◇ ~ **во власть кого-чего-л.** ба касе, ба чизе итоат кардан

отдач||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **отдать** 1, 2, 4, 5) додан(и), пас додан(и), супурдан(и); ~**а долга** додани қарз 2. *спорт.* тубдиҳӣ 3. *(при выстреле)* пошназанӣ, ақиб задан(и) *(милтиқ ё туп)* 4. боздеҳ, натиҷа, самара ◇ **без** ~**и** бе натиҷа

отдвигать *несов. см.* **отдвинуть**

отдвигаться *несов.* 1. *см.* **отдвинуться;** 2. *страд.* тела дода шудан

отдвижной, -ая, -ое давак; ~ **засов** ғалақа

отдвинуть(ся) *сов. уст. см.* **отодвинуть(ся)** 1

отдежуривать *несов. см.* **отдежурить** 1

отдежурить *сов.* 1. *что* муддате навбатдорӣ кардан; ~ **три часа** се соат навбатдорӣ кардан 2. *(кончить дежурство)* навбатдорӣ карда шудан

отдел *м* 1. *(учреждения и т. п.)* шуъба; ~ **снабжения** шуъбаи таъминот 2. *(книги и т. п.)* фасл, боб, қисм; **библиографический** ~ **в журнале** фасли китобиёти журнал (маҷалла)

отделать *сов.* 1. *что* буд кардан, такмил додан, ба анҷом расонидан; ~ **картину** расмро обу ранг додан // *подо что* пардоз додан, обуранг додан; ~ **столовую под дуб** хонаи таомхуриро ба ранги чуби булут пардоз додан // *(отремонтировать)* таъмир (шикастурехт) кардан; ~ **комнату** хонаро шикастурехт кардан 2. *что чем* оростан, ороиш (зинат) додан; ~ **платье вышивкой** куртаро гулдузӣ кардан 3. *что прост. (испачкать, испортить)* ифлос (чиркин) кардан 4. *кого прост. (выругать)* соз (боб) кардан 5. *кого прост. (избить)* задан, куфтан, лат (зарбу лат) кардан, дошта задан

отделаться *сов. разг.* 1. *от кого-чего* холӣ (халос) шудан; ~ **от наскучившего дела** аз кори дилбазан халос шудан 2. *чем* иктифо кардан; ~ **пустым обещанием** бо ваъдаи хушку холӣ иктифо кардан 3. *чем и без доп.* халос шудан (хурдан), худро халос кардан; **легко** ~ ба осонӣ халос шудан; **дёшево** ~ муфт халос шудан

отделени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **отделить)** ҷудо кардан(и); *(по знач. гл.* **отделиться)** ҷудо шудан(и); ~**е церкви от государства** ҷудо кардани калисо аз давлат 2. *чаще мн.* **отделения** тарашшуҳ; **гнойные** ~**я** тарашшуҳи фасод 3. хонача, қисм, чашм, қуттӣ, палла; ~**е письменного стола** қуттии мизи корӣ; **бумажник имеет четыре** ~**я** ҳамьён чор чашм дорад 4. шуъба; **терапевтическое** ~**е** шуъбаи терапия; ~**е милиции** шуъбаи милиция 5. қисм; **первое** ~**е концерта** қисми якуми концерт 6. *воен.* отделение 7. *уст.* шуъба, ҷуқа *(дар Россияи пешазреволюционӣ қисм, шуъбаи идораи олии маъмурӣ ё судӣ)*

отделённый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷудо кардашуда 2. *прил. воен.* ...и отделение; ~ **командир** командири отделение 3. *в знач. сущ.* **отделённый** *м воен.* командири отделение

отделитель *м* ҷудокунак *(модда)*

отделительный, -ая, -ое ҷудокунанда

отделить *сов.* 1. *кого-что* ҷудо кардан, кандан; ~ **мясо от кости** гуштро аз устухон кандан // *что* дарк (фарқ) кардан, сарфаҳм рафтан, донистан, шинохтан; ~ **вымысел от истины** муҳоботро аз ҳақиқат фарқ кардан 2. *что* ҷудо кардан, девор (тавора) кашидан; ~ **часть комнаты перегородкой** як қисми хонаро девор кашида ҷудо кардан; ~ **запятой** вергул монда ҷудо кардан 3. *что (отдать в пользование)* ҷудо карда додан 4. *кого-что уст.* як қисми молу мулкро ҷудо карда додан; ~ **сына** рузгори писарро ҷудо кардан

отдели||ться *сов. от кого-чего* 1. ҷудо (берун, канда) шудан; **желток** ~**лся от белка** зардии тухм аз сафеда ҷудо шуд 2. ҷудо (дур) шудан; **лодка** ~**лась от берега** заврақ аз соҳил дур шуд; **от толпы** ~**лся человек** як одам аз издиҳом ҷудо шуд 3. *тж. без доп. уст.* рузгор ҷудо кардан *(баъд аз тақсими молу мулк)*; **дети** ~**лись от отца** бачаҳо аз хонадони падар рузгори худро ҷудо карданд

отделк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **отделать** 1, 2) буд кардан(и), такмил додан(и) 2. ороиш, зиннат; **платье с** ~**ой из кружев** куртаи турбофӣ

отделочный, -ая, -ое ...и буд кардан(и); ...и пардоз додан(и), ...и пардоз; ороишдиҳанда, зиннатдиҳанда; ~**ые материалы** масолеҳи пардоз // ороишӣ, зебузинатӣ, ...и зебу зинат

отделывать *несов. см.* **отделать**

отделываться *несов.* 1. *см.* **отделаться;** 2. *страд.* буд карда шудан; пардоз дода шудан

отдельно *нареч.* ҷудо, ҷудогона, алоҳида, якка, танҳо, мустақилона; **он живёт** ~ у алоҳида зиндагӣ мекунад; ~ **от товарищей** аз рафиқон ҷудо

отдельност||ь *ж:* **в** ~**и** ҷудогона, ҷудо-ҷудо, алоҳида, алоҳида-алоҳида, ба танҳоӣ; **каждый в** ~**и** ҳар кадом алоҳида-алоҳида

отдельн||ый, -ая, -ое 1. ҷудо, ҷудогона, алоҳида, танҳо, якка, тоқа; ~**ая квартира** хонаи алоҳида 2. баъзе; **в** ~**ых случаях** дар баъзе мавридҳо; ~**ые личности** баъзе шахсон 3. *воен.* алоҳида; ~**ый батальон** батальони алоҳида

отделя||ть *несов.* 1. *см.* **отделить;**

2. *что от чего* чудо кардан; **река ～ет старую часть города от новой** дарьё шаҳри кӯҳнаро аз шаҳри нав ҷудо мекунад

отделя||ться *несов.* 1. *см.* **отделиться;** 2. намоён (аён, падидор) гаштан; **снежная вершина резко ～лась на синем фоне неба** куллаи барфпуш дар осмони кабуд баръало намоён мегашт 3. *страд.* ҷудо карда шудан

отдёргивать *несов. см.* **отдёрнуть**

отдёргиваться *несов. страд.* якбора кашида шудан

отдёрнуть *сов. что* якбора кашидан, кушодан; якбора ақиб кашидан; ～ **занавеску** пардаро кушодан; ～ **руку** дастро якбора ақиб кашидан

отдирать *несов. см.* **отодрать**

отдираться *несов.* 1. *см.* **отодраться;** 2. *страд.* канда шудан

отдоить *сов.* 1. *что, чего* душидан, ҷушидан; ～ **литр молока** як литр шир душидан 2. *кого-что и без доп.* душида шудан; ～ **коров** говҳоро душида шудан

отдоиться *сов. разг.* 1. камшир шудан, аз шир мондан 2. *см.* **отдоить** 2

отдохновение *с уст.* роҳат, фароғат

отдохнуть *сов.* дам гирифтан, роҳат (истироҳат, фароғат) кардан; **пора и ～** вақти истироҳат ҳам расид; ～ **после обеда** баъд аз хурок дароз кашидан ◇ ～ **душой (сердцем)** дами беғам задан

отдраивать *несов. см.* **отдраить**

отдраиваться *несов. страд.* кушода шудан; тоза карда шудан

отдраить *сов. что мор.* 1. кушодан, во (яла, боз) кардан 2. топ-тоза кардан; ～ **палубу** саҳни киштиро топ-тоза кардан

отдубасить *сов. кого прост.* шатта (шаллоқ) задан, калтаккори кардан

отдува||ть *несов. что* вазида дамондан; **ветер ～ет полы шубы** вазиши шамол домани пустинро медамонад ◇ ～**ть щёки** лунҷ дамондан

отдуваться *несов.* 1. ҳарсас задан, ҳаш-ҳаш кардан; ～ **от усталости** аз хастагӣ ҳаш-ҳаш кардан 2. *за кого-что и без доп. прост. (отвечать)* ҷавобгар шудан, сазо дидан // *(работать)* аз ҷониби дигарон кор кардан 3. *см.* **отдуться;** 4. *страд.* дамонда шудан ◇ ～ **своими боками** *прост.* ≈ ҳалворо ҳаким хурад, калтакро ятим

отдумать *сов. с неопр. разг.* аз фикр гаштан, аз ният даст кашидан

отдумывать *несов. см.* **отдумать**

отдурачиться *сов. разг.* шухӣ (ҳазл, ширинкорӣ) карда шудан

отдуть *сов.* 1. *см.* **отдувать;** 2. *прост. кого* задан, куфтан, зарбу лат кардан

отдуться *сов.* дамидан, васеъ шудан

отдушина *ж* 1. равзан(а), ҳавобаро, бодгир, мурӣ; ～ **в стене** равзани девор; **печная ～** мурии печь 2. *перен.* тасаллои (таскини) дил

отдушник *м см.* **отдушина** 1

отдых *м* дамгирӣ, истироҳат; **день ～а** рузи истироҳат; **дом ～а** хонаи истироҳат; **без ～а** бе истироҳат

отдыха||ть *несов. см.* **отдохнуть** ◇ **глаз ～ет** *на чём* чашми кас меосояд

отдыхающий, -ая, -ее 1. *прич.* истироҳаткунанда, фароғаткунанда 2. *в знач. сущ.* **отдыхающий** *м,* **отдыхающая** *ж* истироҳаткунанда

отдышаться *сов.* 1. нафас рост кардан, дам гирифтан; ～ **после бега** пас аз давидан нафасро рост кардан 2. *перен. прост.* дуруст (бардам) шудан, ба худ омадан

отёк *м* варам, омос; ～ **век** варами қавоқҳо; ～ **лёгких** варами шуш

отекать *несов. см.* **отечь**

отёл *м* зоиш, зоидан(и) *(оид ба гов)*

отелиться *сов.* зоидан *(оид ба гов)*

отель *м* меҳмонхона

отельный, -ая, -ое ...и меҳмонхона, меҳмонхонагӣ

отенить *сов. что* соя афкандан (кардан)

отенять *несов. см.* **отенить**

отеняться *несов. страд.* соя карда шудан

отепление *с (по знач. гл.* **отеплить)** гарм кардан(и); ～ **парников** гарм кардани гулхонаҳо

отеплительн||ый, -ая, -ое гармкунанда, гармидиҳанда, гармидеҳ; ～**ые приборы** асбобҳои гармидеҳ

отеплить *сов. что* гарм кардан; ～ **здание** биноро гарм кардан

отеплять *несов. см.* **отеплить**

отепляться *несов. страд.* гарм карда шудан

отереть(ся) *сов. см.* **обтереть(ся)** 1

отесать(ся) *сов. см.* **обтесать(ся)**

отёсывать(ся) *несов. см.* **обтёсывать(ся)**

отец *м* 1. падар; ～ **и мать** падару модар; ～ **семейства** сардори оила; **стать отцом** соҳиби фарзанд шудан; **уродиться в отца** ба падар рафтан 2. *мн.* **отцы** падарон, бобоён, аҷдод; **отцы и дети** падарону фарзандон 3. *мн.* **отцы** *уст.* падарон, бузургон, сарварон, калонон; **отцы города** калоншавандаҳои шаҳр 4. *книжн. (основоположник)* сарнасл, асосгузор, саромад, сардафтар 5. *обращ. разг.* падарам, пирам 6. *церк.* ҳазрат // *обращ.* таксир, пирам ◇ **духовный ～** *церк.* падари руҳонӣ; **крёстный ～** падархонди таъмидӣ; **названый ～** падархонд; ～ **небесный** парвардигор; **посажёный ～** падарвакил; **приёмный ～** падархонд; **годиться в отцы** *кому* падар барин будан *(аз ҷиҳати синну сол)*

отечески *нареч.* падарона, падарвор; ～ **пожурить** падарвор сарзаниш кардан

отеческ||ий, -ая, -ое 1. падарона, падарвор; ～**ая ласка** навозиши падарона; ～**ое наставление** насиҳати падарона 2. *уст.* ...и падар, ...и падару бобоён; ～**ий дом** зодгоҳ

отечественн||ый, -ая, -ое ...и ватан, ватанӣ; ～**ая промышленность** саноати ватанӣ; **самолёты ～ой марки** самолётҳои ватанӣ ◇ ～**ая война** ҷанги ватанӣ; **Великая Отечественная война** Ҷанги Бузурги Ватанӣ

отечеств||о *с* ватан; **защита ～а** муҳофизати ватан, мудофиан (ҳимояи) ватан; **воспевать своё ～о** ватани худро тараннум (мадҳу ситоиш) кардан

отёчность *ж* варам, омос; ～ **ног** варами пойҳо

отёчн||ый, -ая, -ое ...и варам, ...и омос; ～**ая припухлость** варам // *(с отёками)* варамида, омосида; ～**ое лицо** руи варамида

отечь *сов.* 1. варамидан, омосидан; **лицо отекло** руй варам кардааст 2. об шудан; **свеча отекла** шамъ сухта об шудааст

отжатие *с (по знач. гл.* **отжать** I) афшурдан(и), фушурдан(и)

отжать I *сов.* 1. *что* афшурдан, фушурдан; ～ **сок из винограда** ангур афшурдан // тоб дода обашро бароварда, ғиҷим кардан, фушурдан; ～ **мокрое бельё** ҷомашуиро ғиҷим кардан 2. *кого-что разг.* ба танг овардан, танг карда ақиб рондан; ～ **неприятеля** душманро танг карда ақиб рондан 3. *что тех.* кушодан, ҷудо кардан, бардоштан; ～ **клапан** сарпушро кушодан

отжать II *сов. что и без доп. с.-х.* даравида шудан; ～ **рожь** ҷавдорро даравида шудан

отжа||ться I *сов. разг.* афшурда (фушурда) ғиҷим шудан; **бельё хорошо ～лось** ҷомашуӣ нағз ғиҷим шуд

отжаться II *сов. с.-х. разг.* даравида шудан

отжечь *сов. что тех.* бозпухт кардан

отживать *несов. см.* **отжить**

отживш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* рузаш пуршуда, умраш ба охир расида, умраш тамомшуда 2. *прил.* кӯҳна, аз даҳон монда; ～**ие взгляды** ақидаҳои кӯҳна

отжиг *м (по знач. гл.* **отжечь)** бозпухт

отжигательн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и бозпухт; ～**ая печь** кураи бозпухт

отжигать *несов. см.* **отжечь**

отжигаться *несов. страд.* бозпухт карда шудан

отжилок *м горн.* раги маъдан

отжим *м (по знач. гл.* **отжать** I 1, 3) афшурдан(и), фушурдан(и); кушодан(и); ～ **масла** равғанкашӣ

отжимание *с см.* **отжатие**

отжимать *несов. см.* **отжать** I

отжиматься *несов.* 1. *см.* **отжаться** I; 2. *страд.* афшурда шудан

отжимка *ж разг. см.* **отжим;** ～ **белья** либосғиҷимкунӣ

отжимки *мн.* тилф, кунҷора, дурда; **виноградные ～** тилфи ангур

отжимник *м* афшурак *(асбоб ё таҷҳизоти пахш карда баровардани оби чизе)*

отжимный, -ая, -ое *тех.* афшура, фишордиҳанда; ～ **пресс** мангана

отжимщик *м* афшургар, манганачӣ

отжинать *несов. см.* **отжать** II

отжить *сов.* 1. *что* умри худро гу-

зарондан, пир шудан; ~ **свой век** умри худро гузарондан, пир шудан 2. *(отойти в прошлое)* гузашта рафтан, бархам хурдан 3. кухна шудан, аз дахон мондан; **многие старые обычаи отжили** бисьёр урфу одатхои кадим кухна шудаанд

отзавтракать *сов.* 1. *разг. (кончить завтракать)* ноништа (ношто, нахорй, тахтўл) карда шудан 2. *уст. (позавтракать у кого-л.)* дар хонаи касе ноништа (ношто, нахорй, тахтул) кардан

отзаниматься *сов. разг.* машғулиятро (хонданро, тахсилро, кореро) тамом кардан

отзванивать *несов. см.* **отзвонить** I

отзвене||ть *сов.* 1. занг задан; **вдали ~ли колокольчики** аз дур садои зангўлачахо баромад 2. *(перестать звенеть)* чарангос зада хомуш шудан

отзвони||ть *сов.* 1. *что* занг задан; **часы ~ли двенадцать** соат занги дувоздахро зад 2. *(кончить звонить)* зангзаниро тамом кардан, чарангос (занг) зада шудан ◇ **~л и с колокольни долой** сарам-дилам кор кард

отзвук *м* 1. акси садо; садо, овози паст 2. *перен. (отклик)* тарафдорй, хамдардй, муносибати хайрхохона 3. *перен.* таъсир, асар, инъикос, окибати чизе; **~и прошлого** осори айёми гузашта

отзвуча||ть *сов.* хомўш (ором, сокит) шудан, тамом (катъ, бас) шудан; **~ли песни** сурудхонй тамом шуд

отзимовать *сов.* зимистон гузарондан

отзовизм *м полит.* отзовизм *(чараёни оппортунистй дар РСДРП)*

отзовист *м полит.* отзовист, тарафдори отзовизм

отзовистский, -ая, -ое *полит.* ...и отзовизм, отзовистй

отзол *м* 1. *(по знач. гл.* **отзолить)** охакшуй, охакшу кардан(и) 2. охакоба, тезоб

отзолить *сов. что* ош додан, охакшу кардан; ~ **кожу** чармро ош додан

отзолка *ж см.* **отзол** I

отзольный, -ая, -ое ...и охакшўй; ~ **чан** чалаки охакшўй

отзыв *м* 1. *книжн.* чавоб, чавоби даъват 2. *перен. (отклик)* муносибати хайрхохона, тарафдорй, фарьёдрасй, дилсузй, хамдардй 3. фикру мулохиза; бахо; **получить лестный** ~ бахои хуб гирифтан; **дать** ~ бахо додан // *(рецензия)* такриз; **написать ~ о чьей-л. работе** ба асари касе такриз навиштан 4. *(ответ на пароль)* чавоби исми шаб

отзыв *м (по знач. гл.* **отозвать** 2) бозхост, чеғ зада оварондан(и), бекор кардан(и); ~ **посла** бозхости сафир

отзывать I *несов. см.* **отозвать**

отзывать II *несов. чем разг.* буй додан, (омадан), мазае додан

отзываться *несов.* 1. *см.* **отозваться;** 2. *страд.* бозхоста (бекор карда) шудан

отзывн||ой, -ая, -ое *дип.* ...и бозхост; **~ая грамота** номаи бозхост

отзывчиво *нареч.* илтифоткорона, мехрубонона, мушфикона, хайрхохона, хамдардона; ~ **отнестись** ғамхорона муносибат кардан

отзывчивость *ж* мехрубонй, мушфикй, хамдардй; **отнестись с ~ю** бо камоли мехрубонй муносибат кардан

отзывчив||ый, -ая, -ое (отзывчив, -а, -о) 1. мехрубон, мушфик, хамдард; **~ый товарищ** рафики мехрубон 2. *(живо реагирующий)* мутаассир, хассос, зудфахм; **~ые читатели** хонандагони мутаассир

огиатрия *ж* отиатрия *(фасли оталарингология, ки дарди гўш ва усулхои муоличаи онро меомузад)*

отирать(ся) *несов. см.* **обтирать(ся)**

отит *м* отит *(варами гўш)*

отказ I *м* 1. *(по знач. гл.* **отказать** I) рад кардан(и), раддия, инкор, даст кашидан(и); аз кор мондан(и), бозистодан(и); *(по знач. гл.* **отказаться)** розй (ризо) нашудан(и); ~ **от дачи показаний** сарпечй аз баёнот; ~ **от своих слов** аз кавли худ гаштан(и) // *(отрицательный ответ)* чавоби рад (манфй); **получить** ~ чавоби рад гирифтан 2. *муз. см.* **бекар** ◇ **без ~а** бе камукост; мунтазам: **до ~а** пур, моломол; **комната наполнена людьми до ~а** хона пури одам

отказ II *м (по знач. гл.* **отказать** II) васият, васият кардан(и), мерос додан(и), мерос мондан(и)

отказать I *сов.* 1. *кому-чему в чём и без доп.* рад (инкор) кардан, кабул накардан, даст кашидан; ~ **кому-л. в просьбе** илтимоси касеро рад кардан; ~ **в помощи** дасти ёрй надодан; ~ **наотрез** катъй рад кардан // *кому* ба никох розигй надодан; ~ **жениху** ба домодшаванда «не» гуфтан 2. *кому-чему в чём перен.* аз *чизе* махрум кардан; ~ **в своём расположении** рўихуш надодан; ~ **себе в чём-л.** аз бахри чизе гузаштан // *(не признать)* инкор кардан, эътироф (икрор) накардан; **ему нельзя ~ в таланте** истеъдоди ўро бояд икрор кард 3. *кому от чего уст.* чавоб додан, нузул кардан, аз кор баровардан (холй кардан); ~ **от места** аз вазифа холй кардан 4. *разг.* аз кор мондан, бозистодан, вайрон шудан; **мотор отказал** мотор аз кор монд; **голос отказал ему** овозаш набаромада монд; **сердце отказало** дил аз тапиш монд ◇ ~ **от дома кому-л.** *уст.* дари хонаро ба руи касе бастан; **не откажи(те)** *в чём или с неопр.* илтимос (хохиш) мекунам (дорам); **не откажите в любезности** хохиш мекунам илтифоти худро дареғ надоред

отказать II *сов. что кому-чему уст.* васият кардан, мерос гузоштан (додан, мондан); ~ **своё имущество детям** молу мулки худро ба фарзандон васият кардан (мерос додан)

отказаться *сов.* 1. *от чего и с неопр.* розй (ризо) нашудан, нахостан, даст кашидан, гардан тофтан, сар печидан, кабул накардан; ~ **ответить** чавоб додан нахостан; ~ **от поездки** аз сафар даст кашидан; ~ **от первоначального плана** аз накшаи аввалй даст кашидан; ~ **от своих слов** аз кавли худ гаштан 2. *в сочет. с гл. «служить», «повиноваться», «действовать»* аз кор мондан, бозистодан, кор накардан, вайрон шудан; **замок отказался служить** кулф вайрон шуд ◇ **не откажусь, не отказался бы** *с неопр.* не намегуям, бо чону дил (бо майли тамом, бо камоли майл) мекунам

отказывать I, II *несов. см.* **отказать** I, II

отказыва||ться I *несов.* 1. *см.* **отказаться;** 2. *прост. (не сознаваться)* инкор кардан, ба гардан нагирифтан, тан надодан, мункир шудан ◇ **я ~юсь понимать его слова** гапхои уро хеч фахмида наметавонам

отказываться II *несов. страд.* васият карда шудан

откалывание I *с (по знач. гл.* **отколоть** I) кафонда гирифтан(и), шикаста чудо кардан(и); *(по знач. гл.* **отколоться** I) шикаста чудо шудан(и)

откалывание II *с (по знач. гл.* **отколоть** II) баровардан(и), кашида гирифтан(и); *(по знач. гл.* **отколоться** II) чудо шудан(и)

откалывать I, II *несов. см.* **отколоть** I, II

откалываться I *несов.* 1. *см.* **отколоться** I; 2. *страд.* кафонда гирифта шудан

откалываться II *несов.* 1. *см.* **отколоться** II; 2. *страд.* баровардa шудан

откапывание *с (по знач. гл.* **откопать)** кофта (канда) баровардан(и), кофта кушодан(и)

откапывать *несов. см.* **откопать**

откапываться *несов. страд.* кофта (канда) бароварда шудан

откармливание *с см.* **откорм**

откармливать *несов. см.* **откормить**

откармливаться *несов.* 1. *см.* **откормиться;** 2. *страд.* бурдокй карда шудан

откат *м* 1. *(по знач. гл.* **откатить)** ғелониш, ғелонда дур кардан(и), ғелонда бурдан(и); *(по знач. гл.* **откатиться)** ғелида дур шудан(и), ғелида рафтан(и) 2. *воен.* пошназании туп

откатать *сов. прост.* 1. *(быстро пройти, проехать)* тез тай кардан, савора зуд гузаштан 2. *(избить)* дошта задан, калтаккорй кардан

откататься *сов. разг.* савора сайр карда шудан

откатить *сов.* 1. *кого-что* ғелонда бурдан (дур кардан); ~ **бревно** ғулачўбро ғелонда бурдан 2. *разг. (быстро отъехать)* тез дур шудан

откати||ться *сов.* 1. ғелида рафтан (дур шудан), ғелидан; **мяч ~лся** туб ғелида рафт 2. *перен. (о волне)* бархурда акиб рафтан; *(о войске)* гурехта дур шудан, акибнишини кардан, акиб рафтан

откатка *ж* 1. *см.* **откат** I; 2. *горн.* берун кашондани маъдан

отка́точный, -ая, -ое *горн.* ...и берун кашондани маъдан; ~ **ваго́н** вагонн маъданкашонӣ

отка́тчик *м горн.* маъданкашон

откатчица *женск. к* **отка́тчик**

отка́тывание *с см.* **отка́т** 1

отка́тывать *несов. см.* **откати́ть** 1

отка́тываться *несов.* 1. *см.* **откати́ться**; 2. *страд.* ғелонда дур карда шудан

откача́ть *сов.* 1. *что* кашида баровардан; ~ **во́ду** обро кашида баровардан 2. *кого* бо нафаси сунъӣ ба ҳуш овардан; ~ **уто́пленника** одами ғарқшударо бо нафаси сунъӣ ба ҳуш овардан

отка́чивание *с* (*по знач. гл.* **откача́ть**) обкашӣ, хавокашӣ

отка́чивать *несов. см.* **откача́ть**

отше́льник *м* **1.** *уст.* зоҳид, обид, гушанишин **2.** *перен.* одамгурез, мардумгурез

отше́льнический, -ая, -ое **1.** *уст.* зоҳидона, обидона **2.** *перен.* одамгурезона

отше́льничество *с* **1.** *уст.* зоҳидӣ, обидӣ, гушанишинӣ **2.** *перен.* одамгурезӣ, мардумгурезӣ

отши́б *м*: **на ~е** *разг.* дар ҷои хилват; **жить на ~е** дар ҷои хилват зиндагӣ кардан

отшиба́ть *несов. см.* **отшиби́ть**

отшиби́ть *сов. что* **1.** *прост.* зада ҷудо кардан, [зада] шикастан, кандан; **~ ру́чку у ча́йника** дастаи чойникро шикастан **2.** *разг.* зада маиб (маъюб) кардан, мазруб кардан; **~ себе́ ру́ку** дасти худро зада маиб кардан **3.** *чаще безл. прост.* беҳо шудан; **у меня́ отши́бло па́мять** майнаам беҳо шуд

отшива́ть *несов. см.* **отши́ть** 1, 2

отшива́ться *несов. страд.* канда шудан

отши́ть *сов.* **1.** *что стр.* кандан, ҷудо кардан; **~ до́ски** тахтаҳоро кандан **2.** *кого груб. прост.* руи хуш надодан, пою қадами касеро канондан **3.** *что и без доп. разг.* (*кончить шить*) дӯхта шудан

отши́ться *сов. прост. см.* **отши́ть** 3

отшлёпа||ть *сов.* **1.** *кого разг.* задан, дошта задан, шаппотӣ (торсакӣ, шаллоқ, шатта) задан; **~ть ребёнка** бачаро шатта задан **2.** *что и без доп. прост.* шалап-шалап карда роҳ гаштан; **он ~л под дождём де́сять киломе́тров** у дар борон даҳ километр шалап-шалап карда роҳ гашт

отшлифова́ть *сов. что* **1.** сайқал (пардоз) додан, суфта кардан; **~ стекло́** оинаро сайқал додан; **~ до́ску** тахтаро тарошида суфта кардан **2.** *перен.* таҳрир кардан, сайқал додан; **~ статью** мақоларо таҳрир кардан

отшлифо́вывать *несов. см.* **отшлифова́ть**

отшлифо́вываться *несов. страд.* сайқал дода шудан

отшпи́ливать *несов. см.* **отшпи́лить**

отшпи́ливаться *несов.* **1.** *см.* **отшпи́литься; 2.** *страд.* кушода шудан

отшпи́лить *сов. что разг.* бароварден, кушодан, яла (во, боз) кардан (*чизи бо сарсузан часпондашударо*)

отшпи́литься *сов. разг.* кушода (яла, во, боз) шудан

отштампова́ть *сов. что* штампонидан, штампонӣ кардан; **~ дета́ль** детальро штампонидан

отштампо́вывать *несов. см.* **отштампова́ть**

отштампо́вываться *несов. страд.* штампонида шудан

отштукату́ривать *несов. см.* **отштукату́рить** 1

отштукату́риваться *несов. страд.* андова карда шудан

отштукату́рить *сов.* **1.** *что* андова (гилкорӣ) кардан; **~ ко́мнату** хонаро андова кардан **2.** *что и без доп.* (*кончить штукатурить*) андоваро тамом кардан

отшуме́||ть *сов.* ғавғо (мағал, ғулғула) карда шудан // *перен.* тамом шуда рафтан, гузашта рафтан, аз сар соқит шудан; **~ли бои́** ҳарбу зарбҳо тамом шуда рафтанд

отшути́ться *сов. разг.* хазломез (бо хазл) ҷавоб додан; гапро ба хазл (ба шухӣ) гардондан; **~ в отве́т** хазломез ҷавоб додан

отшу́чиваться *несов. см.* **отшути́ться**

отщёлка||ть *сов.* **1.** *кого прост.* хуппоқ задан, черт кардан; **~ть по́ лбу** ба пешона хуппок задан // *кого перен.* (*выругать*) сарзаниш (мазаммат, танбеҳ) кардан **2.** *что и без доп. разг.* чаҳ-чаҳ карда (зада) шудан; **солове́й ~л** булбул чаҳ-чаҳ заду хомуш шуд

отщелка́ть *сов. см.* **отщёлкать** 1

отщёлкивать I *несов. что* тик-тик (қарс-қарс, қирс-қирс) кардан; қарсос занондан, қарс-қарс (қирс-қирс) кунондан (*оид ба соат, чут ва ғ.*)

отщёлкивать II *несов. см.* **отщелкну́ть**

отщёлкиваться *несов. страд.* қарсос занонда кушода шудан

отщелкну́ть, отщёлкнуть *сов. что разг.* қарсос (ҷарангос) занонда кушодан; **~ кры́шку сундука́** сарпуши сандуқро ҷарангос занонда кушодан

отщеми́ть *сов. что прост.* пучидан, зер (маҷақ, пахш) кардан (кунондан); **~ па́лец** ангуштро пахш кунондан

отщемля́ть *несов. см.* **отщеми́ть**

отщепа́ть *сов. что, чего разг.* параха ҷудо кардан, параха кардан, шикастан; **~ лучи́ны** параха ҷудо кардан

отщепе́нец *м* муртад, радди маъракa, маслакфуруш

отщепе́нка *женск. к* **отщепе́нец**

отщепе́нство *с книжн.* муртадӣ, маслакфурушӣ

отщепи́ть *сов. что* параха ҷудо кардан, параха кардан, шикастан

отщепи́ться *сов.* параха шудан, паридан, шикаста ҷудо шудан

отщепля́ть *несов. см.* **отщепи́ть**

отщепля́ться *несов.* **1.** *см.* **отщепи́ться; 2.** *страд.* шикаста шудан

отщипа́ть *сов. что разг.* пучидан, канда гирифтан; **~ немно́го ва́ты** каме пахта канда гирифтан

отщипну́ть *сов. что* пучидан, канда гирифтан; **~ кусо́чек хле́ба** як бурда нон шикаста гирифтан

отщи́пывать *несов. см* **отщипа́ть** *и* **отщипну́ть**

отщи́пываться *несов. страд.* пучида шудан

отъ= *приставка префиксе, ки ба ҷои «от=» пеш аз ҳарфҳои садоноки йотбарсари «е», «ю», «я» ба кор бурда мешавад:* **отъе́здить** рафта омадан; *см.* **от=**

отъеда́ть *несов. см.* **отъе́сть**

отъеда́ться *несов.* **1.** *см.* **отъе́сться; 2.** *страд.* хурда шудан

отъедини́ть *сов. кого-что* ҷудо кардан, гусистан

отъедини́ться *сов.* ҷудо (гусиста) шудан

отъединя́ть *несов. см.* **отъедини́ть**

отъединя́ться *несов.* **1.** *см.* **отъедини́ться; 2.** *страд.* ҷудо карда шудан

отъе́зд *м* (*по знач. гл.* **отъе́хать** 1) рафтан(и), раҳсипоршавӣ, равонашавӣ, раворавӣ; **назна́чить день ~а** рӯзи рафтанро муайян кардан ◇ **быть** (**находи́ться**) **в ~е** дар сафар будан

отъе́здить *сов. разг.* **1.** *что* сафар карда омадан, мусофират кардан; **це́лый день ~ верхо́м** рӯзи дароз савора гаштан **2.** (*кончить ездить*) рафта омадан

отъе́здиться *сов. см.* **отъе́здить** 2

отъезжа́ть *несов. см.* **отъе́хать**

отъезжа́ющ||ий, -ая, -ее **1.** *прич.* раванда, раҳсипоршаванда, азиматкунанда **2.** *в знач. сущ.* **отъезжа́ющий** *м,* **отъезжа́ющая** *ж* мусофир; **~их про́сят**

войти́ в ваго́н аз мусофирон илтимос, ки ба вагон дароянд

отъе́зж||ий, -ая, -ее *уст.* дур, дурдаст; **~ие сеноко́сы** алафзори дурдаст ◇ **~ее по́ле** *уст.* шикоргоҳи дур

отъём *м (по знач. гл.* отня́ть 6) аз сина ҷуд окардан(и), аз меш баровардан(и); **~ ягня́т** аз меш ҷудо кардани барраҳо

отъёмн||ый, -ая, -ое равон; **~ая ра́ма** роми равон

отъе́||сть *сов. что* 1. хурдан, хоидан, ба дандон кандан 2. *разг.* хурдан, нест кардан; **пятно́ ~ло ацето́ном** доғро ацетон нест кард 3. *тж. без доп. прост. (кончить есть)* хурда шудан, хурда тамом кардан

отъе́||сться *сов.* пур хурда фарбеҳ шудан, бурдоқӣ шудан; **ло́шади ~лись за́ зиму** аспҳо дар зимистон фарбеҳ шудаанд

отъе́ха||ть *сов.* 1. рафтан, роҳ рафтан, раҳсипор (равона) шудан, дур рафтан (шудан); **~ть в сто́рону** ба тарафе раҳсипор шудан; **~ть от мо́ста** аз пеши пул дур рафтан 2. *перен. прост.* гаранг (безор) накардан, дур шудан 3. *прост.* тоб партофтан, лиққонак шудан; **дверь ~ла** дар тоб партофтааст

отъя́вленный, -ая, -ое рафта истодагӣ (расидагӣ), ашаддӣ, гузаро; **~ лгун** дуруғгӯи гузаро

отыгра́ть *сов.* 1. *что* бохтаро гашта бурдан (баргардондан); **~ два́дцать рубле́й** бист суми бохтаро гашта бурдан 2. *что и без доп. разг. (кончить играть)* бозӣ карда шудан

отыгра́ться *сов.* 1. *см.* **отыгра́ть** 1 // *(выиграть после проигрыша)* бозӣ карда гашта бурдан, бори дигар бозӣ карда бурдан; **кома́нде удало́сь ~** команда бори дигар бозӣ карда бурд 2. *перен. разг.* ҳила (найранг) карда халос шудан, бо ҳилае (бо баҳонае) халос хурдан

оты́грывание *с (по знач. гл.* **отыгра́ть** 1) бохтаро гашта бурдан(и)

оты́грывать *несов. см.* **отыгра́ть** 1

оты́грываться *несов.* 1. *см.* **отыгра́ться**; 2. *страд.* дубора бурда шудан *(пули ё чизи бохтаро)*

оты́грыш *м разг.* 1. *см.* **оты́грывание**; 2. пули (чизи) бурд

отыма́ть *несов. уст. и прост. см.* **отня́ть** *и* **отъя́ть**

отыма́ться *несов. уст. и прост.* 1. *см.* **отня́ться** *и* **отъя́ться**; 2. *страд.* кашида гирифта шудан

отымённ||ый, -ая, -ое *грам.* исмӣ; **~ые глаго́лы** феълҳои исмӣ; **~ое наре́чие** зарфи исмӣ

оты́скание *с см.* **оты́скивание**

отыска́ть *сов. кого-что* ёфтан, ҷустуҷу (суроғ) карда ёфтан, кофта ёфтан, кофта пайдо кардан; **~ тетра́дь** дафтарро кофта ёфтан

отыска́||ться *сов.* ёфт шудан, пайдо шудан; **кни́га ~лась** китоб ёфт шуд

оты́скивание *с (по знач. гл.* **отыска́ть**) ҷустуҷу, кофта ёфтан(и); **~ ре́дких расте́ний** ҷустуҷӯи растаниҳои нодир

оты́скивать *несов. см.* **отыска́ть**

оты́скиваться *несов.* 1. *см.* **отыска́ться**; 2. *страд.* ёфт(а) шудан

отяготи́тельный, -ая, -ое (отяготи́те|лен, -льна, -льно) *уст.* малолангез, заҳматовар

отяготи́||ть *сов. кого-что книжн.* вазнин (гарон, сербор) кардан; **плоды́ ~ли ве́тви де́рева** шохаҳои дарахт сербор шудааст // *перен.* безобита (дарди сар) кардан, малол овардан; **~ть свои́м прису́тствием** омада ташвиш додан

отяготи́ться *сов. уст. книжн.* машаққат (мушкилӣ) кашидан, бори гарон шудан, дилгир шудан

отягоща́ть *несов. см.* **отяготи́ть**

отягоща́ться *несов.* 1. *см.* **отяготи́ться**; 2. *страд.* безобита карда шудан

отягоще́ние *с (по знач. гл.* **отяготи́ть**) безобита кардан(и), малол овардан(и); *(по знач. гл.* **отяготи́ться**) машаққат (мушкилӣ) кашидан(и)

отягча́ть *несов. см.* **отягчи́ть**

отягче́ние *с (по знач. гл.* **отягчи́ть**) вазнин (сахттар, бадтар) кардан(и)

отягчи́ть *сов.* 1. *см.* **отяготи́ть**; 2. *что перен. книжн.* вазнин (сахттар, гаронтар, бадтар) кардан; **~ вину́** гуноҳро сахттар кардан

отяжеле́ние *с (по знач. гл.* **отяжеле́ть**) вазнин (гарон) шудан(и)

отяжеле́||ть *сов.* 1. вазнин (сангин, гарон, вазнинбор) шудан; **пальто́ ~ло от дождя́** пальто аз борон вазнин шуд // фарбеҳ (бесулуқай, ноҳинҷор) шудан; **за после́дние го́ды он ~л** дар солҳои охир у фарбеҳу бесулуқай шудааст 2. лакот (ланҷ, бемадор, монда) шудан; **но́ги ~ли от ходьбы́** пойҳо аз гаштан бемадор шуданд

отяжели́||ть *сов.* 1. *кого-что* вазнин (сангин) кардан; **подкла́дка ~ла костю́м** астар костюмро вазнин кардааст // *кого* фарбеҳ (бесулуқай, ноҳинҷор) кардан 2. *что перен.* бенафосат (душворфаҳм, мубҳам) кардан; **~ть язы́к по́вести** забони повестьро душворфаҳм кардан

отяжеля́ть *несов. см.* **отяжели́ть**

офе́ня *м ист.* дастакифуруш, чаканафуруш, вофуруш

офице́р *м* офицер

офице́рск||ий, -ая, -ое офицерӣ, ...и офицер; **~ое зва́ние** унвони офицерӣ; **~ий соста́в** ҳайати офицерон

офице́рство *с* 1. *собир* офицерон, офицерҳо 2. *уст. (звание)* унвони офицерӣ

офице́рша *ж. уст. разг.* зани (завҷаи) офицер; зани бевамондаи офицер

офицерьё *с собир. разг. презр.* зоти офицерон (офицерҳо)

официа́льничать *несов. разг. неодобр.* расмиятчигӣ кардан

официа́льно *нареч.* расмӣ, расман

официа́льность *ж* расмият, расмӣ будан(и); **~ то́на** расмӣ будани оҳанг

официа́льн||ый, -ая, -ое (официа|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* расмӣ, ҳукуматӣ, давлатӣ; **~ый докуме́нт** ҳуҷҷати расмӣ; **~ое лицо́** намояндаи расмӣ; **~ый язы́к** забони расмӣ 2. расмӣ; **~ое приглаше́ние** даъвати расмӣ; **разгова́ривать ~ым то́ном** бо оҳанги расмӣ гуфтугу кардан

официа́нт *м* пешхизмат

официа́нтка *женск. к* **официа́нт**

официа́нтский, -ая, -ое ...и пешхизмат

официо́з *м* матбуоти (рузномаи, маҷаллаи) нимрасмӣ

официо́зность *ж* нимрасмӣ будан(и)

официо́зн||ый, -ая, -ое (официо́з|ен, -на, -но) нимрасмӣ; **~ое сообще́ние** хабари нимрасмӣ; **~ая газе́та** рузномаи нимрасмӣ

оформи́тель *м* ороишгар, зинатдиҳанда, мураттиб; **~ вы́ставки** ороишгари намоишгоҳ

оформи́тельск||ий, -ая, -ое ...и ороишгарӣ; **~ое мастерство́** маҳорати ороишгарӣ

офо́рмить *сов.* 1. *что* мукаммал (танзим) кардан, тартиб додан; ороиш (зинат) додан; **~ кни́гу** китобро ороиш додан 2. *что* ба расмият даровардан, қонунӣ кардан; **~ до́говор** шартномаро қонунӣ кардан; **~ докуме́нты** ҳуҷҷатҳоро ба расмият даровардан 3. *кого* дохил (қабул) кардан; **~ на рабо́ту** ба кор қабул кардан

офо́рмиться *сов.* 1. ташаккул ёфтан, мукаммал (танзим) шудан, тартиб ёфтан 2. дохил гардидан, қабул шудан; **~ на рабо́ту** ба кор даромадан

оформле́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **офо́рмить**) танзим, тартиб; ба расмият даровардан(и); ороиш (зинат) додан(и); *(по знач. гл.* **офо́рмиться**) ташаккул; қабул шудан(и); **~ спекта́кля** ороиш додани спектакль; **~ соглаше́ния** ба расмият даровардани созишнома; **~ на рабо́ту** ба кор даромадан 2. ороиш, зинату ороиш; **бога́тое ~ за́ла** ороиши зебои зал; **~ кни́ги** ороиши китоб

оформля́ть *сов. см.* **офо́рмить**

оформля́ться *несов.* 1. *см.* **офо́рмиться**; 2. *страд.* мукаммал карда шудан; қабул карда шудан

офо́рт *м* офорт *(намуди кандакории руи лавҳаҳои фулузӣ, ки ҷойҳои чуқури он бо тезоб канда мешавад ва инчунин нусхае, ки аз он лавҳа бардошта шудааст)*

офорти́ст *м* офорткаш, офортсоз

офо́ртн||ый, -ая, -ое офортӣ, ...и офорткашӣ, ...и офортсозӣ; **~ая мастерска́я** устохонаи офорткашӣ

офсе́т *м полигр.* офсет *(навъи чоп, ки ранг аз руи чизи чопшаванда аввал дар қолаби резини мечаспаду баъд аз он ба руи коғаз нақш мебандад)*

офсе́тн||ый, -ая, -ое *полигр.* офсетӣ; **~ая печа́ть** чопи офсетӣ

офтальми́я *ж мед.* дарди чашм, илтиҳоби чашм

офтальмо́лог *м* духтури чашм

офтальмоло́гия *ж* офтальмоло́гия *(илми бемориҳои чашм ва табобати он)*

ох *межд.* 1. оҳ, воҳ, ваҳ, оҳо; **ох, как бо́льно!** воҳ, дард мекунад!; **ох, как бы не пожале́ть пото́м!** оҳ, кошки баъд пушаймон нашавем!; **ох, как здесь краси́во!** оҳ, аҷаб зебост!; **ох, как**

здесь хорошо! охо, чӣ тавр ин ҷо хуб аст! 2. *в знач. сущ.* **охи** *мн. разг.* оху воҳ, шикваю шикоят, аламу ҳасрат

охабень *м* қабо

охаживать *несов.* 1. *прост. см.* **обхаживать** 2; 2. *кого прост.* задан, куфтан, лат кардан; ~ **кнутом лошадь** аспро бо тозиёна задан

охаивание *с (по знач. гл.* **охаять)** бадгуӣ, наҳ задан(и)

охаивать *несов. см.* **охаять**

охаиваться *несов. страд.* бадгуй карда шудан

охальник *м прост.* беҳаё, бешарм, беруй

охальничать *несов. прост.* беҳаёӣ (густохӣ, бешармӣ, беруӣ, беодобӣ) кардан

охальный, -ая, -ое *прост.* беҳаё, густох, бешарм, беруй

охаметь *сов. прост.* бешарм (беҳаё, бетамиз, бадмуомила) шудан

оханье *с (по знач. гл.* **охать)** оху воҳ (шикваю шикоят) кардан(и); оху воҳ

охапк||а *ж* бағал, банд, даста; ~**а дров** як бағал ҳезум; ~**а книг** як даста китоб ◇ **в ~у, в ~е** бағалкунон, оғушкунон

охарактеризовать *сов. кого-что* тасвир (таърифа, тавсиф) додан; ~ **положение вещей** ҳақиқати ҳолро тавсиф додан

охать *несов.* оҳ кашидан, оҳу воҳ (шикваю шикоят, аламу ҳасрат) кардан

охаять *сов. кого-что прост. и обл.* бад гуфтан, наҳ задан

охват *м* 1. *(по знач. гл.* **охватить** 2, 5, 6) иҳота кардан(и); паҳн шудан(и); ҷалб кардан(и); ~ **противника** иҳота кардани душман 2. *см.* **обхват** 2

охвати||ть *сов.* 1. *кого-что (обнять)* дар бар (ба оғуш) гирифтан 2. *кого-что* печонда гирифтан, иҳота (муҳосира) кардан; ~**ть участок изгородью** майдонро бо чиғ иҳота кардан 3. *кого-что (об одежде)* шинам (чингулинг) будан 4. *кого-что* фаро (печонда) гирифтан; **горы ~ла тьма** торикӣ кӯҳҳоро фаро гирифт // фаро гирифтан, зер кардан, **их ~л ужас** онҳоро воҳима зер кард 5. *кого-что* паҳн шудан; **эпидемия ~ла несколько сёл** касалӣ ба якчанд деҳа сироят кард 6. *кого-что (вовлечь)* ҷалб кардан, кашидан 7. *что (понять)* фаҳмида гирифтан, сарфаҳм рафтан, пай бурдан, пайхас кардан ◇ ~**ть взглядом (взором)** назар андохтан, чашм давондан

охватывать *несов. см.* **охватить**

охватываться *несов. страд.* иҳота карда шудан; ҷалб карда шудан

охвостье *с* 1. *собир.* 1. *с.-х.* пешбода, каҳреза, таки хирман 3. *перен.* думравҳо

охи *мн. разг.* оху воҳ, шикваю шикоят, аламу ҳасрат

охладевать *несов. см.* **охладеть**

охладелый, -ая, -ое *уст.* 1. хунукшуда, сардшуда 2. *перен.* бепарво(ёна), дилсард(она), дилхунук

охладе||ть *сов.* 1. *уст.* хунук (сард) шудан 2. *перен. (о чувствах и т. п.)* паст шудан, фурӯ нишастан, намондан; **страсти ~ли** ҳавсала пир шуд // *к кому-чему* дилсард (дилхунук) шудан, майлу рағбат (ҳавсала) надоштан; ~**ть к музыке** аз мусиқӣ дилхунук шудан

охладитель *м* 1. асбоби хунуккунанда 2. моддаи хунуккунанда

охладительный, -ая, -ое хунуккунанда, сардкунанда

охладить *сов.* 1. *что* хунук (сард) кардан; ~ **молоко** ширро хунук кардан 2. *что перен. (чувство, желание и т. п.)* фуру нишондан, паст кардан // *кого* дилсард (дилхунук) кардан

охладиться *сов.* хунук (сард) шудан

охлаждать *несов. см.* **охладить**

охлаждаться *несов.* 1. *см.* **охладиться;** 2. *страд.* хунук (сард) карда шудан

охлаждение *с* 1. *(по знач. гл.* **охладить** 1) хунук (сард) кардан(и); *(по знач. гл.* **охладиться)** хунук (сард) шудан(и) 2. *перен.* дилсардӣ, дилхунукӣ, дилмондагӣ; **в их отношениях чувствуется некоторое ~** онҳо аз якдигар каме дилхунук шуданд

охлопок *м* лос; **льняной ~** лоси зағирпоя

охлопье *с собир.* лос

охмелеть *сов. разг.* 1. маст (махмур ширакайф, сархуш) шудан (гардидан); ~ **от пива** аз пиво маст шудан 2. *перен.* димоғчоқ шудан

охнуть *сов. однокр. к* **охать;** ~ **от боли** аз дард оҳ кашидан

охолостить *сов. кого разг.* ахта кардан

охорашива||ть *несов. кого-что разг.* хушруй кардан, росту орост кардан, пардоз (зеб) додан; **мать ~ла дочку** модар духтарашро росту орост мекард

охорашиваться *несов. разг.* худро хушруй кардан, худро росту орост кардан, худро пардоз (зеб) додан; ~ **перед зеркалом** худро дар пеши оина оробо торо додан

охот||а I *ж* 1. шикор, сайд; ~**а на волков** шикори гургон 2. шикорчиҳо, сайёдҳо; **держать соколиную ~у** бо лочин шикор кардан

охот||а II *ж* 1. ҳавас, майл, рағбат, хоҳиш, ҳавсала, иштиёқ, мароқ; **уехать по своей ~е** бо майли худ рафтан 2. *в знач. сказ. безл. кому-чему с неопр. разг.* майл (хоҳиш, ҳавсала, мароқ) дорам (дорӣ, дорад *ва ғ.*); **мне ~а почитать** ман майли хондан дорам ◇ ~**а тебе (вам** *и т. д.*), **что за ~а?** ба ту (ба шумо *ва ғ.*) чӣ лозим?; **в ~у** *прост.* бо ҷону дил, бо майлу рағбати тамом, бо шавқу ҳавас

охотиться *несов.* 1. шикор (сайд) кардан // *перен.* дунболагирӣ (таъқиб) кардан, пойда гаштан 2. *перен. разг.* ба даст даровардани (афтондани) шудан; ~ **за новой книгой** китоби навро ба даст даровардани шудан

охотк||а *ж:* **в ~у** *прост.* бо ҷону дил, бо майлу рағбат, бо шавқу ҳавас; **работать в ~у** бо майлу рағбат кор кардан

охотливый, -ая, -ое (охотлив, -а, -о) *прост.* дустдор, хоҳон, ҳаваскор, ҷазбманд

охотник I *м* шикорчӣ, сайёд; ~ **на тигров** шикорчии бабр, бабргир

охотник II *м* моил, иштиёқманд, ишқбоз; дӯстдор, ҳаваскор; ~ **до цветов** гулбоз; **он ~ побродить по горам** у дустдори сайри кӯҳсор аст // *уст.* аскари ихтиёрӣ, фидой

охотница *женск. к* **охотник** II

охотнич||ий, -ья, -ье шикорӣ, ...и шикор, ...н сайд; ~**ье ружьё** милтиқи шикорӣ; ~**ья собака** саги шикорӣ

охотно *нареч.* бо ҷону дил, бо майлу рағбат, бо шавқу ҳавас, бо мароқи том

охотовед *м* мутахассиси шикор

охотоведение *с* шикоршиносӣ *(фане, ки хоҷагии шикор ва тарзу усули шикорро меомӯзад)*

охочий, -ая, -ее (охоч, -а, -е) *см.* **охотливый**

охра *ж* аҳмар, ухро, охра

охрана *ж* 1. *(по знач. гл.* **охранять)** посбонӣ, дидбонӣ, нигоҳбонӣ, мудофиа, муҳофиза; ~ **границ** посбонии сарҳадҳо; ~ **лесов** нигоҳбонии ҷангалзор 2. дастаи посбонон; **личная ~** дастаи посбонони шахсӣ

охранение *с* 1. *книжн. см.* **охрана** I; 2. *воен.* муқаддама, язак; **сторожевое ~** муқаддама

охранитель *м книжн.* муҳофиз

охранительный, -ая, -ое посбоникунанда, мудофиакунанда, ...и мудофиа

охранить *сов. см.* **охранять**

охранка *ж ист. разг.* шуъбаи хуфия; **царская ~** шуъбаи хуфияи подшоҳӣ

охранник *м разг.* 1. *(работник охраны)* посбон, бонӣ, дидбон, нигоҳбон 2. *(агент охранки)* гумоштаи шуъбаи хуфия

охранн||ый, -ая, -ое ...и посбонӣ, ...и дидбонӣ, ...и муҳофиза, ...и ҳимоя; ~**ый взвод** взводи посбонӣ; ~**ая грамота,** ~**ый лист** хати иноят *(ҳуҷҷате, ки мувофиқи ин ё он шахс ва молу мулкаш дар таҳти муҳофизати махсуси давлат гирифта мешавад)*; ~**ое отделение** *ист.* шуъбаи хуфия

охранять *несов. кого-что* посбонӣ (дидбонӣ, нигоҳбонӣ) кардан, мудофиа (муҳофиза) кардан; ~ **государственную собственность** моликияти давлатиро муҳофизат кардан

охраняться *несов. страд.* посбонӣ карда шудан

охрипл||ый, -ая, -ое *разг.* хирришуда, гирифта; **говорить ~ым голосом** бо овози гирифта гап задан

охрипнуть *сов.* хиррӣ шудан, овоз гирифтан; **голос охрип** овоз хиррӣ шуд; **я охрип** ман хиррӣ шудам, овозам гирифт

охрист||ый, -ая, -ое 1. аҳмарӣ; ~**ая глина** гили аҳмарӣ 2. *(жёлто-красный)* зарди сурхтоб

охрить *несов. что* аҳмарӣ кардан

охровый, -ая, -ое 1. аҳмарӣ 2. *(жёлто-красный)* зарди сурхтоб

охрометь *сов. разг.* ланг (чулоқ) шудан

охря́ный, -ая, -ое *см.* **о́хровый**

оху́лк||а *ж:* **~и на́ руку не поло́жит** *прост.* девона ба кори худ ҳушьёр

оцара́па||ть *сов. кого-что* харошидан, ханҷол кардан, бо нохун захми кардан; **~ть но́гу** пойро харошидан; **ко́шка ~ла ма́льчика** гурба писаракро ханҷол кард

оцара́паться *сов.* худро харошидан

оцара́пывать(ся) *несов. см.* **оцара́пать(ся)**

оцело́т *м* оцелот (*ҷинси гурбаи калони ёбоии зардпусти хол-холи Америкаи Ҷанубӣ*)

оце́нивать *несов. см.* **оцени́ть**

оце́ниваться *несов. страд.* нарх (баҳо) монда шудан

оцени́ть *сов. кого-что* 1. нарх (баҳо) мондан, қимат (арзиш) таъин кардан; **~ иму́щество** молу мулкро нарх мондан 2. мулоҳиза (муҳокима, тасаввур) кардан, санҷидан; **~ положе́ние** вазъиятро таҳқиқ кардан 3. ба қадри касе (чизе) расидан, тақдир (қадрдонӣ, қадршиносӣ) кардан; **~ по досто́инству** баҳои сазовор додан

оце́нк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **оцени́ть**) нарх (баҳо) мондан(и); санҷидан(и); **~а това́ров** таъин кардани нархи мол 2. фикр, ақида, баҳо, мулоҳиза; **дать ~у случи́вшемуся** аз хусуси ҳодисаи руйдода фикри худро гуфтан 3. баҳо; **получи́ть отли́чные ~и по всем предме́там** аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло гирифтан

оце́ночн||ый, -ая, -ое ...и нарх, ...и нархмонӣ, ...и баҳомонӣ, ...и нархгузорӣ, ...и баҳогузорӣ; **~ая коми́ссия** комиссияи нархмонӣ

оце́нщик *м* нархмон, баҳокунанда, баҳогузор

оце́нщица *женск. к* **оце́нщик**

оцепене́лость *ж* карахтӣ, моту мабҳутӣ

оцепене́лый, -ая, -ое карахт, шах, мот, мабҳут

оцепене́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **оцепене́ть**) карахт (шах) шудан(и), шах шуда мондан(и), моту мабҳут (мадҳуш) шудан(и); **сиде́ть в ~и** карахт нишастан; **от стра́ха он впал в ~е** у аз тарс шах шуда монд 2. *биол.* карахтӣ (*шах шуда мондани як қатор ҳайвоноти сардхун, ки дар вақтҳои сармои зимистон ва норасоии об дар тобистон ба хоби дуру дароз мераванд*)

оцепене́ть *сов.* карахт (шах) шудан, шах шуда мондан, моту мабҳут (мадҳуш) шудан, ҳангуманг шудан; **~ от го́ря** ғамбода шудан

оцепи́||ть *сов. кого-что* миёнагир кардан, иҳота (муҳосира) кардан, печонда гирифтан; **охо́тники ~ли во́лчье ло́гово** шикорчиён хонаи гургро иҳота карданд

оцепле́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **оцепи́ть**) миёнагир (иҳота, муҳосира) кардан(и) 2. (*отряд*) дастаи муҳосиракунанда

оцепля́ть *несов. см.* **оцепи́ть**

оцепля́ться *несов. страд.* миёнагир (иҳота) карда шудан

оцинко́ванн||ый, -ая, -ое руҳандуд; **~ое желе́зо** тунукаи руҳандуд, тунукаи гулдор

оцинкова́ть *сов. что* руҳандуд кардан, руҳ давондан (андудан); **~ коры́то** тағораро руҳандуд кардан

оцинко́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **оцинкова́ть**) руҳандуд кардан(и), руҳ давондан(и); **~ желе́за** руҳандуд кардани оҳан 2. қабати (сири) руҳ

оцинко́вочный, -ая, -ое ...и руҳандудӣ

оцинко́вывание *с см.* **оцинко́вка** 1

оцинко́вывать *несов. см.* **оцинкова́ть**

оцинко́вываться *несов. страд.* руҳандуда шудан

оча́г *м* 1. оташдон, дегдон, кура, манқал; **разже́чь ого́нь в ~е́** оташдонро даргиронда 2. *перен.* хона, хонадон, хонавода, маъво, оила; **дома́шний ~** хонадон, хонавода; **верну́ться к родно́му ~у́** ба хонаводаи худ баргаштан; **поки́нуть родно́й ~** хонадони худро тарк кардан 3. *перен.* манбаъ, мабдаъ; **~ культу́ры** маконн маданият; **~ войны́** мабдаи ҷанг

очаго́вый, -ая, -ое ...и оташдон, оташдонӣ

очажо́к *м уменьш. к* **оча́г**

очарова́ние *с* дилбарӣ, дилрабоӣ, дилфиребӣ, малоҳат, ҷозибият, фаттонат

очаро́ванный, -ая, -ое 1. *прич.* афсуншуда, сеҳрзада; мафтун, шефта 2. *прил.* мафтун, шефта, қоил

очарова́тельность *ж* дилбарӣ, дилкашӣ, дилрабоӣ, фаттонат, ҷозибият

очарова́тельн||ый, -ая, -ое (очарова́те|лен, -льна, -льно) дилбар, дилкаш, дилрабо, диловез, ҷозиб; **~ый пейза́ж** манзараи дилкаш; **~ая мело́дия** оҳанги диловез

очарова́||ть *сов. кого-что* 1. *уст.* ҷоду (афсун, сеҳр) кардан 2. дил рабудан, мафтун (мубтало, шайдо, шефта) кардан; **его́ ~ли го́ры** кӯҳҳо уро мафтун карданд

очарова́ться *сов. разг.* дил додан, шефта шудан

очаро́вывать *несов. см.* **очарова́ть**

очаро́вываться *несов.* 1. *см.* **очарова́ться**; 2. *страд.* мафтун карда шудан

очеви́д||ец *м* шоҳид, гувоҳ; **по показа́ниям ~цев** аз руи гуфтаҳои шоҳидон

очеви́дица *женск. к* **очеви́дец**

очеви́дно 1. *нареч.* яқинан, ошкор 2. *в знач. сказ. безл.* равшан аст, аён аст, мафҳум аст, маълум аст; **было ~, что он не прие́дет** равшан буд, ки у намеояд 3. *в знач. вводн. сл.* эҳтимол, зоҳиран, яқинан, аз афти кор; **~, мы опозда́ем** аз афти кор, мо дер мемонем

очеви́дность *ж* бешубҳа (бебаҳс) будан(и), равшанӣ, яқинӣ

очеви́дный, -ая, -ое (очеви́д|ен, -на, -но) 1. яқин, ошкор, равшан, намоён, возеҳ, ҳувайдо 2. бешубҳа, бебаҳс, равшан, намоён, маҳз; **~ факт** факти равшан

очелове́чение *с* (*по знач. гл.* **очелове́чить**) ташхис кардан(и); одам кардан(и); (*по знач. гл.* **очелове́читься**) ташхис шудан(и); одам шудан(и)

очелове́чивать *несов. см.* **очелове́чить**

очелове́чиваться *несов.* 1. *см.* **очелове́читься**; 2. *страд.* ташхис карда шудан

очелове́чить *сов. кого-что книжн.* ташхис кардан; одам кардан; **~ приро́ду** табиатро ташхис кардан // (*сделать гуманным*) одам кардан

очелове́читься *сов. книжн.* ташхис шудан // (*стать гуманным*) одам шудан

оче́лье *с уст.* қоши тилло

о́чень *нареч.* хеле, бисьёр, зиёд; **мы вы́шли ~ ра́но** мо хеле барвақт баромадем; **~ много** хеле бисьёр; **э́то ~ ма́ло** ин хеле кам аст; **~ вам благода́рен** аз шумо бисьёр миннатдорам

очерви́веть *сов.* кирмзада шудан, кирм кардан

очеред||но́й, -а́я, -о́е 1. навбатӣ; **~ы́е зада́чи** вазифаҳои навбатӣ; **~о́й вопро́с** масъалаи навбатӣ 2. навбатӣ, сонӣ; **~о́й но́мер журна́ла** шумораи навбатии журнал 3. муқаррарӣ, маъмулӣ, ҳарруза, ҳамешагӣ, доимӣ; **~а́я ша́лость ребёнка** шӯхии муқаррарии бача

очерёдность *ж* бо навбат будан(и); **~ отпуско́в** бо навбат будани отпуск

о́черед||ь *ж* 1. навбат; **в поря́дке ~и** ба (бо) навбат; **вне ~и** берун аз навбат; **соблюда́ть ~ь** навбатро риоя кардан // марҳала, навбат; **строи́тельство пе́рвой ~и гидростанции** сохтмони навбати якуми станцияи электрикии обӣ 2. навбат; **сего́дня ва́ша ~ь** имрӯз навбати шумо 3. (*о людях*) очередь, навбат; (*о транспорте*) қатор, туда; **больша́я ~ь** навбати калон; **стоя́ть в ~и** дар навбат истодан; **маши́ны установи́лись в ~ь пе́ред светофо́ром** мошинҳо дар пеши светофор қатор шуда истоданд 4. *воен.* шиллик, тирпарронии мусалсал; **пулемётная ~ь** шиллики пулемёт; **стреля́ть коро́ткими ~ями** бо фосилаи кутоҳ тир паррондан ◇ **жива́я ~ь** навбат; **по ~и** 1) аз руи навбат; **принима́ть больны́х по ~и** беморонро аз руи навбат қабул кардан 2) навбат ба навбат; **чита́ть по ~и** навбат ба навбат хондан; **в пе́рвую ~ь** дар навбати аввал, пеш аз ҳама; **в свою́ ~ь** дар навбати худ, ҷавобан; **он в свою́ ~ь пригласи́л меня к себе́** у ҳам дар навбати худ маро ба хонаи худ даъват кард; **быть (стоя́ть) на ~и** ҳалталаб (иҷроталаб) будан; **поста́вить на ~ь** ба навбат гузоштан (мондан); **стать на ~ь, стоя́ть на ~и** ба (дар) навбат истодан

очере́т *м* (*камыш*) най, ной

очере́тов||ый, очеретя́н||ый, -ая, -ое най, ной, аз най; **~ая кры́ша** боми найпуш

о́черк *м* 1. *уст.* (*контур*) тарҳ, намуд, суроб 2. *уст.* (*изображение кого-чего-л.*) тавсиф, тасвир 3. очерк; **~ разви́тия воздухоплавания** очерки тараққиёти ҳавопаймоӣ // *мн.* очеркҳо рисола, очеркҳо; **~и по истории философии** очеркҳои таърихи фалсафа

4. *лит.* очерк, ҳикоят, ёддошт; **путевые ~и** сафарнома

очёркивать *несов. см.* **очеркну́ть**

очёркиваться *несов. страд.* гирдогирд хат кашида шудан

очерки́ст *м* очеркнавис, воқеанигор

очерки́стка *женск. к* **очеркист**

очеркну́ть *сов. что* гирдогирд хат кашидан, хат кашида ҷудо кардан

очерко́вый, -ая, -ое очерки

очерни́ть *сов.* 1. *что уст.* сиёх кардан, ранги сиёҳ молидан 2. *кого-что* мазаммат кардан, наҳ задан, бадном кардан

очерня́ть *несов. см.* **очерни́ть**

очерстве́лость *ж* дилсахтӣ, бемурувватӣ

очерстве́лый, -ая, -ое дилсахт, бемурувват

очерстве́||ть *сов.* сангдил (дилсахт, бераҳм) шудан; **он ~л от го́ря** мусибат ӯро сангдил кардааст

очерстви́ть *сов. кого-что* сангдил (дилсахт, бераҳм) кардан

очерствля́ть *несов. см.* **очерстви́ть**

очерта́ния *мн.* (*ед.* **очерта́ние** *с*) *прям., перен.* тарҳ, намуд, шакл, сурат, суроб, соя; **~ гор** суроби кӯҳҳо

очертене́ть *сов. прост.* ба дил задан, безор (дилгир) шудан, нафратангез шудан

очерте́ть *прост. см.* **осточерте́ть**

очерт||и́ть *сов.* 1. *что* гирдогирд хат кашидан, хат кашида ҷудо кардан; **~ить ко́нтуры чего́-л.** хат кашида тарҳи чизеро ҷудо кардан 2. *кого-что перен.* тасвир (таъриф) кардан, баён (васф) кардан; **а́втор жи́во ~и́л характеры геро́ев** муаллиф хислатҳои қаҳрамононро шавқовар тасвир кардааст ◇ **~я́ го́лову** бемулоҳиза, беандеша; **де́йствовать ~я́ го́лову** беандеша рафтор кардан

очёрчивать *несов. см.* **очерти́ть**

очёрчива||ться *несов.* 1. намоён (аён, намудор, зоҳир, падидор) шудан; **вдали́ ~лся лес** аз дур ҷангале намоён гашт 2. *страд.* гирдогирд хат кашида шудан

очёс *м собир. см.* **очёски**

очеса́ть *сов. что* 1. шона (тит, ҳаллоҷӣ, наддофӣ) кардан; **~ коноплю́** лифи канабро ҳаллоҷӣ кардан 2. хамвор (тахт) кардан; **~ копну́** ғарамро тахт кардан

очёска *ж* (*по знач. гл.* **очеса́ть**) шона (тит, ҳаллоҷӣ, наддофӣ) кардан(и); **~ льна** ҳаллоҷӣ кардани лифи зағирпоя

очёски *тк. мн.* лос; **~ конопли́** лоси канаб

очёсывание *с см.* **очёска**

очёсывать *несов. см.* **очеса́ть**

очёсываться *несов. страд.* шона карда шудан

очёчник *м разг.* ғилофи (ҷилди) айнак; **ко́жаный ~** ғилофи чармини айнак

очёчн||ый, -ая, -ое ...и айнак; **~ые ду́жки** камончаи айнак

о́чи *мн. от* **о́ко**

очи́нивать *несов. см.* **очини́ть**

очи́ниваться *несов. страд.* тарошида шудан

очини́ть *сов. что* тарошидан, тез кардан; **~ каранда́ш** нӯги қаламро баровардан

очи́нка *ж* (*по знач. гл.* **очини́ть**) тарошидан(и), тез кардан(и)

очиня́ть(ся) *несов. см.* **очи́нивать(ся)**

очисти́тель *м* софкунак, асбоби полоиш; **~ для воды́** обсофкунак

очисти́тельн||ый, -ая, -ое 1. тозакунанда, софкунанда, полоянда, тасфия; **~ая маши́на** мошини тасфия 2. *книжн.* омурзонанда, гуноҳбахшанда, кафоратбахш; **~ая же́ртва** қурбонии кафоратбахш

очи́стить *сов.* 1. *что* тоза (пок, соф, тамиз) кардан; **~ пруд** ҳавз тоза кардан 2. *что* соф (софӣ) кардан, полудан, таровидан, таҳшин кардан; **~ бензи́н** бензинро софӣ кардан 3. *что перен.* тоза (ислоҳ) кардан, тасҳеҳ додан (кардан) 4. *кого-что перен.* (*нравственно*) адаб (одоб) омӯхтан, хушхулқ (боадаб) кардан 5. что пӯст кандан, мукашшар кардан; **~ яйцо́** тухмро пӯст кандан 6. *что* холӣ (озод, тоза) кардан; **~ го́род от неприя́теля** шаҳрро аз душман озод кардан; **~ кварти́ру** хонаро холӣ кардан 7. *что прост.* (*съесть всё*) паққос задан (хӯрдан) 8. *кого-что прост.* (*обворовать*) ҳамаро дуздида бурдан, сӯзане намонда дуздида бурдан 9. *что уст.* (*избавить от долгов*) аз қарз халос шудан

очи́сти||ться *сов.* 1. тоза (покиза, пок, соф) шудан; **вода́ ~лась** об тоза шуд; **по́сле грозы́ во́здух ~лся** ҳаво баъд аз раъду барқ тоза шуд 2. *перен.* (*нравственно*) покдоман (покахлоқ) шудан, хушхулқ (боадаб) шудан 3. холӣ (озод, тоза) шудан; **поля́ ~лись от сне́га** саҳро аз барф тоза шуданд 4. *уст.* (*остаться в качестве дохода*) фоида (даромад) шудан, фоида мондан

очи́стк||а *ж* (*по знач. гл.* **очи́стить**) тоза (покиза, пок, тамиз) кардан(и); софкорӣ, полоиш ◇ **для ~и со́вести** барои тасаллои дил; **для ~и со́вести он ещё немно́го подожда́л това́рища** ӯ барои тасаллои дил ба омадани рафиқаш боз каме мунтазир истод

очи́стки *тк. мн.* пӯст, пӯстлоқ, пучоқ; **карто́фельные ~** пусти картошка

очи́стн||ый, -ая, -ое тозакунанда, софкунанда, ...и тозакунӣ; **~ые сооруже́ния** иншооти тозакунанда

очища́ть *несов. см.* **очи́стить**

очища́ться *несов.* 1. *см.* **очи́ститься**; 2. *страд.* тоза карда шудан

очище́ни||е *с* (*по знач. гл.* **очи́стить**) тоза (покиза, пок) кардан(и); софкорӣ, полоиш; (*по знач. гл.* **очи́ститься**) адабомузӣ, боадабшавӣ; **нра́вственное ~е** боадабшавӣ ◇ **для ~я со́вести** барои тасаллои дил

очи́щенный, -ая, -ое 1. *прич.* тозашуда, покизашуда, покшуда, софшуда 2. *прил.* холис, соф, полуда, таровида; **~ спирт** спирти холис

очка́рик *м прост.* айнакӣ, чорчашма

очка́стый, -ая, -ое *прост.* айнакӣ, айнакдор

очки́ *тк. мн.* 1. айнак; **защи́тные ~** айнаки сиёҳ (сабз); **наде́ть ~** айнак мондан; **снять ~** айнакро гирифтан; **ходи́ть в очка́х** айнак монда гаштан 2. ҳалқаи гирди чашм (*оид ба ҳайвонот*) ◇ **смотре́ть сквозь ро́зовые ~** *на что* аз камбудӣ чашм пӯшидан

очко́ *с* 1. (*на карте, кости*) хол, нишонаи қарта 2. (*единица счёта*) хол, бурд; **набра́ть де́сять ~в из оди́ннадцати возмо́жных** аз ёздаҳ холи имконпазир даҳ хол гирифтан; **вы́бить шестьдеся́т ~в** шаст хол задан 3. *разг.* «бисту як» (*номи қимори қарта*); **игра́ть в ~** «бисту як» бозӣ кардан 4. (*отверстие*) равзанак, чашм, дарича; **~ у́лья** равзанаки кавора; **~ се́ти** чашми тӯр 5. *сад.* муғҷа, чашмак, ҷавона ◇ **втере́ть очки́** *кому* ба чашм хок пошидан; **дать сто (де́сять) ~в вперёд** *кому* бартарӣ (имтиёз) додан

очковтира́тель *м разг.* фиребгар, қаллоб, чашмбанд

очковтира́тельский, -ая, -ое *разг.* фиребгарона, қаллобона

очковтира́тельство *с разг.* фиребгарӣ, қаллобӣ, чашмбандӣ

очко́в||ый I, -ая, -ое 1. ...и айнак;

~ая опра́ва чанбараки айнак 2. *перен.* айнакӣ, айнакдор; **~ая змея́** мори айнакдор

очко́в||ый II, -ая, -ое *спорт.* ...и хол, холӣ, бурдӣ; **ито́ги состяза́ний подво́дятся по ~ой систе́ме** ҷамъбасти мусобиқа аз руи ҳисоби хол гузаронида мешавад

очку́р *м обл.* камарбанд, миёнбанд

очну́||ться *сов.* 1. бедор шудан, аз хоб хестан; **~ться от сна** бедор шудан 2. ба хуш (ба худ, ба ифоқа) омадан; **больно́й ~лся на пя́тые су́тки** бемор дар рузи панҷум ба ифоқа омад // *(опо́мниться)* ба худ омадан

о́чн||ый, -ая, -ое: **~ая ста́вка** рубарӯкунӣ, чорбарукунӣ; **~ое обуче́ние** таҳсили рузона

очуме́лый, -ая, -ое *прост.* гиҷ, гаранг, саргаранг, девонавор; **но́сится как ~** девонавор давуғеҷ мекунад

очуме́||ть *сов. прост.* гиҷ (гаранг, девона) шудан; **~ть от стра́ха** аз тарсу ваҳм гаранг шудан; **он ~л от бо́ли** у аз дард сабру токатро гум кард

очути́ться *сов.* афтодан, даромадан, дучор (гирифтор) шудан; **~ в незнако́мом ме́сте** ба ҷои ношинос афтода мондан; **~ в нело́вком положе́нии** ба вазъияти ногувор дучор шудан

очу́хаться *сов. прост.* ба хуш (ба худ, ба ифоқа) омадан

ошалева́ть *несов. см.* **ошале́ть**

ошале́лый, -ая, -ое *прост.* гаранг, гиҷ, девона

ошале́ть *сов. прост.* саргаранг (саргиҷ, гаранг, девона) шудан

ошара́шивать *несов. см.* **ошара́шить**

ошара́шить *сов.* 1. *кого прост.* нохост (ногаҳон) задан; **~ кого́-л. па́лкой по спине́** нохост ба тахтапушт бо калтак задан 2. *кого-что разг.* ҳайрон (саргаранг) кардан, ба тааҷҷуб овардан; **~ кого́-л. вопро́сом** касеро савол дода саргаранг кардан

о́шва *ж мор.* тахтабанди киштӣ

ошвартова́ть *сов. что мор.* бастан, маҳкам кардан *(киштиро)*

ошвартова́ться *сов. мор.* баста шудан, маҳкам шудан *(дар бораи киштӣ)*

ошеек *м* гушти гардан

оше́йник *м* гарданбанд, тасмаи гардан; **снять с соба́ки ~** гарданбанди сагро кушодан

ошеломи́тельн||ый, -ая, -ое (ошеломи́те|лен, -льна, -льно) гиҷкунанда, гарангкунанда, мабҳуткунанда, ҳайратангез; **~ая но́вость** хабари ҳайратангез

ошеломи́ть *сов. кого-что* гиҷ (гаранг, саросема) кардан, ҳайрон кардан, ба ҳайрат овардан, ба тааҷҷуб андохтан

ошеломля́ть *несов. см.* **ошеломи́ть**

ошеломля́ющий, -ая, -ее 1. *прич.* гарангкунанда 2. *прил.* ҳайратовар, тааҷҷубангез

ошельмова́ть *сов. кого-что разг.* обру резондан, бешараф (муттаҳам) кардан, бадном (беобру) кардан

ошиба́||ться *несов. см.* **ошиби́ться; е́сли я не ~юсь...** агар хато накунам...

ошиби́ться *сов.* хато (саҳв, иштибоҳ, ғалат) кардан; **~ в вычисле́ниях** дар ҳисоб хато кардан // *в ком* ақидаи нодуруст ҳосил (пайдо) кардан; **вы в нём не оши́блись** ақидаи шумо дар хусуси вай дуруст баромад (хато набаромад)

оши́бк||а *ж* хато, саҳв, иштибоҳ, ғалат; **граммати́ческие ~и** хатоҳои имлоӣ; **гру́бая ~а** хатои дағал

оши́бочно *нареч.* саҳван, бархато, барғалат

оши́бочность *ж* хатоӣ, хато (саҳв, иштибоҳ) будан(и); **~ вы́водов** хато будани хулосаҳо; **~ вычисле́ний** ғалат будани ҳисоб

оши́бочн||ый, -ая, -ое бархато, барғалат, ғалат, нодуруст; **~ое реше́ние** қарори ғалат; **~ое представле́ние** тасаввуроти нодуруст

оши́кать *сов. кого-что разг.* ба боди ҳуштак додан; **~ плохо́го певца́** ҳофизи беҳунарро ба боди ҳуштак додан

ошино́вка *ж* шинабандӣ

ошлакова́ть *сов. что тех.* дажғол гардондан

ошмётк||и *мн.* (*ед.* ошмёток *м*) *прост.* 1. лунда, кулула, кулух, порча, тикка, резгӣ; **~и гли́ны** пораҳои гил 2. чармреза, кухнакола; **ходи́ть в ~ах** пойафзоли кухна пӯшида гаштан

ошпа́ривать *несов. см.* **ошпа́рить**

ошпа́риваться *несов. страд.* оби ҷуш рехта шудан

ошпа́рить *сов. кого-что разг.* 1. оби ҷуш рехтан (давондан); **~ о́вощи** ба сабзавот оби ҷуш рехтан 2. бо оби ҷӯш (бо буғ) сӯзондан; **~ ру́ку** дастро бо оби ҷуш сузондан

ошпа́риться *сов. разг.* бо оби ҷуш (бо буғ) сухтан, худро сӯзондан; **~ кипя́щим ма́слом** бо равғани доғ худро сузондан

оштрафова́ть *сов. кого-что* ҷарима кардан (андохтан)

оштукату́ривать *несов. см.* **оштукату́рить**

оштукату́риваться *несов. страд.* андова карда шудан

оштукату́рить *сов. что* андова (гаҷкорӣ, лойкорӣ) кардан, андовидан

ошу́юю *нареч. уст. книжн.* дар тарафи дасти чап

ощени́ть *сов. кого прост.* зоидан *(оид ба саг, гург ва рубоҳ)*

ощени́ться *сов.* зоидан *(оид ба саг, гург ва рубоҳ)*

още́ривать(ся) *несов. см.* **ощё́рить(ся)**

ощё́ри||ть *сов. что разг.* дандон намоён кардан, даҳон гиз кардан; **волчи́ца ~ла пасть** модагург даҳон гиз кард

ощё́ри||ться *сов. разг.* дандон намоён кардан, даҳон гиз кардан; **соба́ка ~лась** саг даҳон гиз кард

ощети́нивать *несов. см.* **ощети́нить**

ощети́ниваться *несов.* 1. *см.* **ощети́ниться** 2. *страд.* сих карда шудан

ощети́ни||ть *сов. что* сих (рост, фах, пах, пахмоқ) кардан; **ёж ~л и́глы** хорпуштак хорҳояшро рост (сих) кард

ощети́ни||ться *сов.* муйро сих (рост, фах, пах, пахмоқ) кардан; **котёнок ~лся** гурбача муяшро фах кард // сих (фах, рост) шудан; **шерсть у соба́ки ~лась** муи саг сих шуд // *перен.* ба хашму ғазаб (ба қаҳру ғазаб) омадан

ощипа́ть *сов. см.* общипа́ть

ощи́пывать(ся) *несов. см.* **общи́пывать(ся)**

ощу́пать *сов. кого-что* даст-даст (ламс) кардан, даст задан, палмосидан; **~ карма́ны** кисаҳоро даст-даст кардан

ощу́паться *сов. разг.* худро даст-даст (ламс) кардан, худро палмосидан

ощу́пывать *несов. см.* **ощу́пать**

ощу́пываться *несов. страд.* 1. *см.* **ощу́паться;** 2. *страд.* даст-даст карда шудан

о́щупь *ж:* **на ~** бо ламс, даст-даст карда, палмосида; **определи́ть на ~** палмосида муайян кардан

о́щупью *нареч.* даст-дасткуион, палмоскунон, курмол-курмол, ламскунон; **идти́ ~** палмоскунон роҳ рафтан // *перен.* тахминан, таваккалан, кур-курона; **де́йствовать ~** тахминан амал (рафтор) кардан

ощути́мость *ж см.* **ощути́тельность**

ощути́мый, -ая, -ое (ощути́м, -а, -о) *см.* **ощути́тельный**

ощути́тельность *ж* барҷаста (намоён) (қобили ҳис) будан(и)

ощути́тельн||ый, -ая, -ое (ощути́те|лен, -льна, -льно) 1. ҳисшаванда, эҳсос.

наванда, қобили ҳис 2. *перен.* барчаста, намоён, намудор, аён, таъсирбахш; **~ые успехи** комьёбиҳои намоён

ощутить *сов. что* ҳис (эҳсос) кардан; **~ боль** сузи дардро ҳис кардан; **~ своё бессилие** оҷизии худро ҳис кардан

ощущать *несов. см.* ощутить

ощуща||ться *несов.* 1. ҳис (эҳсос) шудан; **в воздухе ~лась прохлада** серунии ҳаво ҳис мешуд 2. *страд.* ҳис карда шудан

ощущени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **ощутить)** ҳис (эҳсос) кардан(и) 2. ҳиссиёт, ҳис эҳсос; **вкусовые ~я** эҳсоси зоиқа 3. таассурот, ҳиссиёт; **~е радости** ҳиссиёти шодӣ

оягни||ться *сов.* барра зоидан; **овца ~лась** гӯсфанд барра зоид

ояловеть *сов. обл.* қисир шудан

П

па *с нескл.* па *(ҳаракати рақс)*

паблисити *с нескл.* паблисити *(машҳур кардани касе, чизе)*

пав||а *ж* товуси мода; **выступает словно ~а** мисли товус мехиромад // *в знач. нареч.* **павой** товусмонанд, товусвор, мисли товус; **ходить ~ой** товусвор хиромидан ◇ **ни ~а ни ворона** на шайхи мазор, на дузди бозор

павиан *м* павиан *(маймуни калони фукдароз)*

павильон *м* 1. *(беседка)* шипанг, чавкандӣ, айвонча 2. павильон, дӯкон дӯконча, сароча; **цветочный ~** дӯкончаи гулфурушӣ, сарочаи гул; **торговый ~** дӯкончаи молфурушӣ // павильон; **выставочный ~** павильони намоишгоҳ; **~ киностудии** павильони киностудия

павильонн||ый, -ая, -ое ...и павильон, павильони; **~ые съёмки** фильмбардорӣ дар павильон

павлин *м* товуси нар, хурӯси товус

павлин||ий, -ья, -ье ...и товус, товусӣ; **~ье перо** пари товус ◇ **~ий глаз** *зоол.* шапалаки товусранг; **ворона в ~ьих перьях** зоғи товустарош

паводков||ый, -ая, -ое ...и обхез, ...и туғёни об; **~ые воды** селоб

паводок *м* дамидани об, обхез, туғёни об

павш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* афтода, афтида 2. *в знач. сущ.* **павшие** *мн. высок.* қурбоншудагон, қурбониён, ҳалокшудагон, шаҳидон; **памятник ~им в боях за Родину** ҳайкали ёдгории шаҳидони Ватан

пагинация *ж* пагинация, рақамгузорӣ

пагода *ж* ибодатхонаи (бутхонаи) буддоиҳо

паголенки *мн.* *(ед.* **паголенок** *м) обл.* 1. ҷуроби бекаф (бетаг); 2. *(голенище)* соқ

пагубность *ж* ҳалокатоварӣ, фалокатоварӣ

пагубн||ый, -ая, -ое (пагуб|ен, -на, -но) ҳалокатовар, фалокатовар, музир; **~ое влияние** таъсири ҳалокатовар

падалиц||а *ж собир.* тагрехта, бодреза; **собирать ~у** меваи тагрехтаро чидан

падаль *ж чаще собир.* лоша

паданец *м* тагрехта

падание *с* *(по знач. гл.* **падать** 1) афтиш, ғалтиш, резиш

пада||ть *несов.* 1. афтидан, афтодан, ғалтидан, рехтан; **забор ~ет** девор ғалтида истодааст; **~ть навзничь** пуштнокӣ афтодан 2. *(об осадках)* боридан; **снег ~ет** барф борида истодааст 3. овезон будан (шудан), фуромадан; **волосы ~ли ей на плечи** муяш ба кифтҳояш фуромада буд 4. *(о росе, тумане)* паст фуромадан; **~ет туман** туман паст мефурояд 5. *(о свете, тени)* афкандан, афтидан, фуромадан // *(о взгляде)* афтодан 6. *на кого-что* афтодан, ғалтидан; **все заботы ~ют на неё** ҳамаи ғаму ташвиш ба сари вай меафтад; **подозрение ~ет на него** аз у шубҳа мекунанд (доранд) 7. *на что* омадан; **ударение ~ет на последний слог** зада ба ҳиҷои охир меояд 8. *разг.* рехтан, ғалтидан, афтидан; **зубы ~ют** дандонҳо меафтанд (мерезанд); **волосы ~ют** мӯйсар мерезад 9. паст шудан, фуромадан, кам шудан; **вода в реке ~ет** оби дарьё паст шуда истодааст; **ветер ~ет** шамол суст шуда истодааст; **температура больного ~ет** ҳарорати бемор фуромада (паст шуда) истодааст; **цены ~ют** нархҳо мефуроянд 10. суст шудан, кам шудан, *таназзул кардан;* **его влияние ~ет с каждым днём** таъсири вай рӯз то рӯз кам мешавад // *перен.* вайрон шудан, хира шудан; **настроение ~ет** кайф мепарад, димоғ месузад 11. *книжн. (опускаться нравственно)* бадахлоқ шудан, ахлоқан вайрон шудан // *в чём (утрачивать значение)* беэътибор шудан 12. *(дохнуть — о животных)* мурдан, ҳаром мурдан 13. *(о звёздах)* паридан 14. *несов. см.* пасть I 3, 4 ◇ **~ть духом** маъюс шудан, навмед (ноумед) шудан; **~ть в ноги** *кому* илтиҷо кардан, таваллою зори кардан, ба пеши пои *касе* афтидан; **~ть в обморок** беҳуш шудан, аз ҳуш рафтан; **~ть в чьи-л. объятия** худро ба оғуши касе андохтан; **~ть на колени** зорӣ (таваллo) кардан; **~ть от смеха (со смеху)** аз ханда рӯдакан шудан; **~ть с ног** аз ҳад зиёд монда шудан, аз по афтодан

падевый, -ая, -ое: **~ мёд** шакаракасал *(см.* **падь** II)

падеграс *м* падеграс *(навъи рақси бал ва мусиқии он)*

па-де-де *с нескл.* па-де-де *(рақси ду раққоси асосӣ дар балети классики)*

падеж *м грам.* падеж; **косвенные ~й** падежҳои ғайримустақим

падёж *м* муромурии (офати) ҳайвонот; **~ скота** ҳайвонмурӣ

падежн||ый, -ая, -ое *грам.* ...и падеж; **~ые окончания** бандаки падежҳо

падёжный, -ая, -ое ...и муромурии ҳайвонот; **~ год** соли ҳайвонмурӣ

падекатр *м* падекатр *(навъи рақси бал ва мусиқии он)*

падение *с* 1. *(по знач. гл.* **пасть** I *и* **падать** 1, 5—14) афтиш, ғалтиш, резиш; пастшав(ӣ), костан(ӣ); мағлубшавӣ, сарнагуншавӣ; вайроншавӣ; **~ уровня воды в реке** пастшавии оби дарьё; **~ температуры воздуха** пастшавии ҳарорати ҳаво; **~ цен** фуромадани нархҳо 2. вайроншавии ахлоқ, бадахлокшавӣ, ахлоқан вайроншавӣ; **дойти до полного морального падения** тамоман бадахлоқ шудан 3. *уст.* гум кардани бакорат

падепатинер *м* падепатинер *(навъи рақси бал ва мусиқии он)*

падеспань *ж* падеспань *(навъи рақси бал ва мусиқии он)*

падина *ж см.* **падь** I

падишах *м* подшоҳ, шоҳ

падкий, -ая, -ое (пад|ок, -ка, -ко) ҳарис; **он падок до сладкого** вай ба ширинӣ ҳарис аст

падуб *м* падуб *(як хел бутта ё дарахти хурди ҳамешасабзи ҷанубӣ)*

падуга *ж театр.* падуга *(декорацияи иловагӣ, ки механизми болои саҳнаро аз назари тамошобин панаҳ мекунад)*

падуч||ий, -ая, -ее 1. *уст.* афтанда, ғалтанда 2. *в знач. сущ.* **падучая** *ж разг.* бемории саръ, саръ ◇ **~ая болезнь** *то же, что* **падучая**

падчерица *ж* духтари угай, духтарандар

падш||ий, -ая, -ее 1. *прич. уст.* афтода, афтида 2. *прил. уст. книжн.* қурбоншуда, фидошуда, шаҳидшуда, ҳалокшуда // *в знач. сущ.* **падшие** *мн.* қурбоншудагон, фидошудагон, шаҳидон, ҳалокшудагон 3. *прил.* пастфитрат, бадахлоқ, вайроншуда, бадкирдор; **~ая же́нщина** зани бадахлоқ; **~ий челове́к** одами пастфитрат

падь I *ж обл. (овраг)* ҷарӣ, дара, сой

падь II *ж пчел.* шакарак *(ширaи барги растаниҳо)*

паев||о́й, -ая, -о́е ...и саҳм; **~о́й взнос** саҳмпулӣ; **~а́я кни́жка** дафтарчаи саҳмгузорӣ; **на ~ы́х нача́лах** ба тариқи саҳмдорӣ, ҳарифона

паёк *м* озуқа; **ме́сячный ~** озуқаи якмоҳа

паж *м* 1. паж, маҳрамбача *(дар асрҳои миёна ҷавони ашрофзода, маҳрами феодал ё подшоҳ // ирон.* ошиқи вафодор *(марде, ки ба зане бо камоли самимият хизмат кунад)* 2. паж *(мансаби хурди дарборӣ дар Россияи тореволюционӣ ва баъзе мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ)* 3. паж *(талабаи Корпуси пажӣ дар Россияи подшоҳӣ)*

па́жеский, -ая, -ое ...и паж, пажӣ; **~ костю́м** либоси паж ◇ **Па́жеский ко́рпус** Корпуси пажӣ *(мактаби имтиёзноки ҳарбӣ барои фарзандони аъёну ашроф дар Россияи подшоҳӣ)*

па́жить *ж уст. поэт.* марғзор, чаман, алафзор

паз *м* 1. *(щель)* роғ, тарқиш, шикоф; **законопа́тить ~ы** роғҳоро маҳкам кардан 2. *(выемка)* кома; **продо́льный ~** комаи дарозрӯя

пазни́к *м тех.* қаламн комаковӣ, комаковак

па́зух||а *ж* 1. бағал; **за ~ой** дар бағал 2. *анат.* ҷавф; **мышечные ~и** ҷавфҳои мушак; **воспале́ние ло́бных па́зух** илтиҳоби ҷавфҳои пешони 3. *бот.* бағала ◇ **как у Христа́ за ~ой** 1) *(вольготно)* фориғболона, бе ғаму ташвиш 2) *(в безопасности)* дар амну амонӣ; **держа́ть ка́мень за ~ой** қасди бад доштан

па́зушный, -ая, -ое *бот.* ...и бағала

па́иньк||а *м, ж разг.* боақлак, қобилак, дидадаро *(дар бораи бача)*; **быть ~ой** қобилак будан

пай I *м* саҳм, ҳисса; **вступи́тельный ~** ҳаққи аъзошавӣ, ҳаққи даромадан ◇ **на пая́х** ба тариқи саҳмдорӣ; **това́рищество на пая́х** ширкати саҳмдорон

пай II *м, ж нескл. в знач. приложения разг. чаще ирон.* қобилак, дидадаро, хушодоб; **~-ма́льчик** бачаи қобилак

па́йка *ж (по знач. гл.* **пая́ть)** лаҳим кардаи(и); **~ проводов** лаҳим кардани симҳо

пайко́вый, -ая, -ое *разг.* ...и озуқа

па́йщик I *м* саҳмдор, ҳиссадор; **~и промысло́вой коопера́ции** саҳмдорони кооперацияи саноати

па́йщик II *м* лаҳимкор

па́йщица *женск. к* **па́йщик** I

пак *м* пирьяхи лағзанда

пакгауз *м* пакгауз *(анбори мол дар истгоҳҳои роҳи оҳан, бандаргоҳ, бокҳонаҳо ва г.)*

пакга́узный, -ая, -ое ...и пакгауз, пакгаузӣ

паке́т *м* 1. пакет, коғазхалта, коғазпеч; **карто́фель в ~ах** картошкаи коғазпеч 2. пакет, мактуб; **распеча́тать ~** пакетро кушодан **индивидуальный [перевязочный] ~** пакети шахсии ҷароҳатбандӣ

паки *нареч. уст. книжн.* боз, аз нав, аз сари нав, гаштаву баргашта

пакистанец *м* покистонӣ

пакиста́нка *ж* зани (духтари) покистонӣ

пакиста́нский, -ая, -ое покистонӣ, ...и Покистон

пакиста́нцы *мн.* покистониҳо

па́кля *ж* лоси канаб, лоси зағирпоя

пакова́ть *несов. что* бор бастан, борбандӣ кардан, ҷой кардан; **~ ве́щи** чизҳоро ҷой карда бастан

пако́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **пакова́ть)** борбандӣ 2. *разг.* лифофа, ҷилд, борҷома; **бумажная ~** лифофаи коғазӣ

пако́вочный, -ая, -ое ...и борбандӣ, ...и борпечонӣ; **~ материа́л** материали борпечонӣ

па́ковый, -ая, -ое ...и пирьяхи лағзанда

па́костить *несов. разг.* 1. *что и без доп.* ифлос (чиркин, касиф) кардан 2. *что* вайрон (хароб, нобуд) кардан 3. *кому-чему и без доп.* зарар (офат) расондан, бадӣ кардан

па́костлив||ый, -ая, -ое (па́костлив, -а, -о) *разг.* ифлос, мурдор, наҷис; **~ая ко́шка** пишаки ифлос

па́костник *м разг.* ифлоскор, зиштқор, расвокор

пакостница *женск. к* **па́костиик**

па́костничать *несов. разг.* ифлоскорӣ (расвокорӣ) кардан, зарар расондан, бадӣ кардан

пакостный, -ая, -ое (пакост|ен, -на, -но) *разг.* 1. *(отвратительный)* мурдор, палид, нафратангез, манфур, зишт 2. *(делающий пакости)* ифлоскор, вайронкор, зишткор 3. *(непристойный)* беадабона, қабеҳ, бешармона

па́кост||ь *ж разг.* 1. чизи мурдор (нафратангез, ифлос); **фу, кака́я ~ь!** чӣ чизи мурдор! 2. *(гадкий поступок)* расвоӣ, бадкирдорӣ, қабоҳат 3. алфози қабеҳ, гапи беҳаёна, сухани беадабона; **не говорите ~ей** гапҳои қабеҳ нагуед

пакт *м* пакт, муоҳида, аҳднома, шартнома, созишнома; **~ о взаимной по́мощи** аҳдномаи ёрии тарафайн; **~ о ненападе́нии** муоҳидаи ҳуҷум накардан

пал I *м обл.* 1. сухтори ҷангал, сӯхтор дар дашт 2. ҷои сухтаи ҷангал (дашт) ◇ **пусти́ть ~ (~ы)** сӯхтан, оташ задан

пал II *м мор.* яккамех, яккамехи киштибандӣ

палади́н *м* баҳодур, ҷавонмард, паҳлавони олиҳиммат

паланкин *м* тахти равон, маҳмил, аморӣ

палантин *м* палантин *(кифтпушаки занона аз махмал ё муина)*

пала́с *м* палос, гилеми қоқма

пала́т||а *ж* 1. *мн.* **пала́ты** *уст.* қаср, кушк; **ка́менные ~ы** қасри сангин; **роско́шные ~ы** қасри бошукуҳ 2. *(в больнице)* палата, хобгоҳи беморон 3. палата *(номи муассисаҳои намояндагӣ дар баъзе мамлакатҳо)*; **ни́жняя ~а** палатаи поён(ӣ); **ве́рхняя ~а** палатаи боло; **~а о́бщин и ~а ло́рдов** палатаи общинаҳо ва палатаи лордҳо // палата *(номи муассисаи олии қонунбарор дар ҳайати Совети Олии СССР)*; **Верхо́вный Сове́т СССР состоит из двух пала́т: Совета Союза и Сове́та Национальностей** Совети Олии СССР аз ду палата иборат аст: аз Совети Иттифоқ ва Совети Миллатҳо 4. палата *(номи баъзе муассисаҳои давлатӣ)*; **кни́жная ~а** палатаи китоб ◇ **ума ~а** *у кого* ақли расо, кони ақл

палатализа́ция *ж лингв.* палатализация, комишавӣ *(талаффузи нарми ҳамсадоҳо)*

палатализи́рованный, -ая, -ое *см.* **палатализо́ванный**

палатализи́ровать(ся) *см.* **палатализова́ть(ся)**

палатализо́ванн||ый, -ая, -ое *лингв.* 1. *прич.* палатализация шуда, комишуда 2. *прил.* комӣ; **~ые согла́сные** ҳамсадоҳои комӣ

палатализова́ть *сов., несов. что лингв.* палатализация кардан, комӣ кардан

палатализова́ться *сов., несов. лингв.* палатализация шудан, комӣ шудан

палата́льность *ж лингв.* палатализация доштан(и), комӣ будан(и)

палата́льный, -ая, -ое *лингв.* палатализациядор, комӣ

палатка *ж* 1. чодир, хайма, хиргоҳ, шомиёна; **туристи́ческая ~** ҳаймаи сайёҳон 2. дукончa; **продово́льственная ~** дукончаи озуқафурушӣ

палатн||ый, -ая, -ое ...и палата, ...и хобгоҳи беморон; **~ый врач** духтури палата; **~ая сестра** ҳамшираи тиббии палата

палаточн||ый, -ая, -ое 1. ...и чодир, ...и хайма, хаймагӣ, хаймабоб; **~ый холст** карбоси хаймабоб; **~ый городо́к** шаҳрчаи хайманишинон 2. ...и дукончa; **~ая торго́вля** молфурушӣ дар дӯкончаҳо

пала́ццо *с нескл.* сарой, қаср, кушк *(дар Италия)*

пала́ч *м* 1. ҷаллод, мири ғазаб 2. *перен.* золим, ситамгар

пала́ческий, -ая, -ое ...и ҷаллод, ...и мири ғазаб

палачество *с* ҷаллодӣ; зулми ваҳшиёна; ҷазои сахт

пала́ш *м* шофи дудама

па́левый, -ая, -ое зарди пасти гулобитоб

пале́ние *с (по знач. гл.* **палить** I 1) парт (парсуз) кардан(и)

палённый *прич.* (пал|ён, -ена́, -ено́) парт (парсӯз) кардашуда

палён||ый, -ая, -ое сӯхта, партшуда; **за́пах ~ой ше́рсти** буи пашми сӯхта

палео= *қисми аввали калимаҳои му-*

раккаб ба маънои «қадим»: **палеоантропология** палеоантропология; **палеография** палеография

палеоазиатск||ий, -ая, -ое: **~ие народы** халқҳои палеоосиёй *(номи шартии баъзе халқиятҳои гуногуннажод ва гуногунзабони Шимоли Осиё)*; **~ие языки** забонҳои халқҳои палеоосиёй

палеоантропология *ж* палеоантропология *(соҳаи илми антропология, ки сохти ҷисмонии инсони қадимро меомӯзад)*

палеоботаника *ж* палеоботаника *(илм дар бораи набототи қадимтарини азбайнрафта)*

палеограф *м* палеограф, мутахассиси палеография

палеографист *м* палеографист *(рассоме, ки дар лавҳаҳои чӯбин ва мисин сурат мекашад)*

палеографическ||ий, -ая, -ое палеографӣ, ...и палеография; **~ие исследования** тадқиқоти палеографӣ

палеография *ж* палеография *(илми таърихи хат ва осори хаттии қадим)*

палеозой *м см.* **палеозойский (палеозойская эра)**

палеозойск||ий, -ая, -ое: **~ая эра** *геол.* давраи палеозой *(давраи сеюми таърихи геологии Замин)*

палеозоология *ж* палеозоология *(илм дар бораи ҳайвонҳои қадимтарини азбайнрафта)*

палеолит *м* палеолит *(қадимтарин фасли давраи санг)*

палеолитический, -ая, -ое палеолитӣ, ...и палеолит

палеонтолог *м* палеонтолог, мутахассиси палеонтология

палеонтологический, -ая, -ое палеонтологи, ...и палеонтология; **~ атлас** атласи палеонтологи

палеонтология *ж* палеонтология *(илме, ки ҳайвоноту набототи мунқаризро аз рӯи боқимондаҳои зеризаминии онҳо меомӯзад)*

палеотерий *м* палеотерий *(ҳайвони тоқасуми мунқаризшуда, сарнасли қадимтарини асп)*

палестинец *м* фаластин; *см.* **палестинцы**

палестинка *ж* фаластинзан, фаластиндухтар; *см.* **палестинцы**

палестинский, -ая, -ое фаластинӣ

палестинцы *мн.* фаластиниҳо *(аҳолии Фаластин, ки аз арабҳо ва намояндагони ин аҳолӣ иборат аст)*

палец *м* 1. ангушт, лела(к); **большой ~** нарангушт, сарангушт; **средний ~** ангушти миёна; **указательный ~** ангушти ишорат (шаҳодат); **безымянный ~** ангушти беном (бунсур) // ангушти (лелаки) дастпушак; **заштопать ~** лелаки шикофшудаи дастпушакро руфу (дарбеҳ) кардан // *(животных и птиц)* ангушт 2. *тех.* дандон(а); **поршиевой ~** дандонаи поршень ◇ **на большой ~** *прост.* 1) *(очень хорошо)* аъло, кори калон 2) *(очень хороший)* аъло, аълодараҷа; **~ о ~ не ударить** дастро ба оби хунук назадан, даст болои даст монда нишастан; **пальца в рот не клади кому-л.** эҳтиёт (ҳушьёр) шудан даркор аз касе; **пальцем не двинуть (не пошевельнуть)** дастро ба оби хунук назадан; косаи каҷро рост намондан; оби шикам наҷунбондан; **пальцем не тронуть** *кого-что* даст нарасондан, зараре нарасондан; **пальцем (пальцами) показывать** *на кого-что* бо ангушт (бо даст) нишон додан, мазаммат кардан; **как по пальцам рассказать (объяснить)** *уст.* оби равон барин нақл кардан (шарҳ додан); **по пальцам можно сосчитать (пересчитать, счесть)** чизи башумур; ангуштшумур; чизе миқдораш кам; **высосать из пальца** *что* бофта гуфтан, беасос (беҳуда, бекора) гуфтан, аз ҳаво гирифтан; **знать как свой пять пальцев** панҷ панҷа барин донистан; **обвести (обернуть) вокруг (кругом) пальца** *кого* гӯл задан; ба лаби об ташна бурда ташна овардан; **плыть сквозь пальцы** бисьёр ва зуд сарф шудан; **попасть пальцем в небо** гапи беҷо задан; ҷавоби бемавқеъ додан; **смотреть (глядеть) на что-л. сквозь пальцы** мусоҳилакорӣ кардан, чашм пӯшидан аз чизе

палея *ж* палея *(номи асарҳои адабии навиштаи қадими русӣ, ки дар онҳо қиссаҳои Таврот баён ёфтаанд)*

палильный, -ая, -ое ...и парткунӣ, ...и парсӯзкунӣ, барои парткунӣ истифодашаванда

палимпсест *м лингв.* палимпсест *(дастхатҳои қадимие, ки ба рӯи пергамент дубора аз болои навиштаҳои аввалаи тарошида ё шусташуда навишта шуданд)*

палиндром, палиндромон *м лит.* палиндром *(калима ё иборае, ки аз чап ба рост ва аз рост ба чап як хел хонда мешавад, монанди калимаи «акка», «нон», «ковок» ва ғ.)*

палисад *м* 1. *см.* **палисадник** 1; 2. *уст. воен.* палисад *(иншооти қадимии мудофиавӣ)*

палисадник *м* 1. *(забор)* девор, панҷара, қаторак, чиғ 2. *(садик)* гулзори (боғчаи) пеши хона

палисандр *м* палисандр *(чӯби қиматбаҳои баъзе дарахтҳои тропикӣ, ки аз он асбобҳои мусиқӣ, мебели пурқимат ва ғ. месозанд)*

палисандров||ый, -ая, -ое ...и палисандр, палисандрӣ, аз палисандр сохташуда; **~ая гитара** гитараи палисандрӣ, ◇**~ое дерево** *см.* **палисандр**

палитра *ж* 1. палитра, лавҳачаи рассомӣ 2. рангубор, маҷмӯи рангҳо, ҷилои рангҳо // *перен.* маҷмӯи воситаҳои бадеӣ ва тасвири *(дар эҷодиёти нависанда ва ё бастакор)*

пали||ть I *несов.* 1. *кого-что* парт (парсӯз) кардан, сӯхтан, сузондан; **~ть гуся** қозро парсӯз кардан 2. *что разг.* сухтан, сузондан, оташ задан 3. сузондан, тафсондан; **солнце ~т** офтоб месӯзонад 4. *кого-что перен.* азоби рӯҳӣ додан, ҷони касеро коҳондан

палить II *несов. разг.* тир андохтан, тир паррондан, тирпарронӣ кардан; **~ из пушек** тӯп парронидан

палица *ж* гурз, шашпар, амуд

палк||а *ж* чӯб, калтак; таёқ, асо, чӯбдаст ◇ **~а о двух концах** зарараш аз фоидааш кам не; **~а плачет** *по ком* ҷазобоб, шаттабоб; **из-под ~и** бо зарби чӯб, зуран, маҷбуран; **как ~а** хода (чӯб) барин *(дар бораи одами қаддарози хароб)*; **вставлять (ставить) ~и в колёса** *кому* садди роҳ шудан, ба кор ишкел андохтан, халал расондан; **перегнуть ~у** ба дараҷаи ифрот расидан, аз ҳад гузаштан

палладий *м хим.* палладий *(элементи химиявӣ, металл)*

паллиатив *м книжн.* 1. паллиатив *(дору ё чорае, ки дардро, бемориро муваққатан сабук мекунад, вале шифо намебахшад)* 2. *перен.* чораи нимкора (муваққатӣ)

паллиативи||ый, -ая, -ое *книжн.* 1. паллиативӣ; **~ое средство** доруи паллиативӣ 2. *перен.* нимкора, муваққатӣ; **~ые меры** чораҳои нимкора

паломник *м* зиёраткунанда, тавофкунанда; ҳоҷӣ

паломница *женск. к* **паломник**

паломничать *несов.* зиёрат (ҳаҷ) кардан

паломнический, -ая, -ое ...и зиёрат, ...и зиёраткунӣ; ...и ҳаҷ, ...и ҳоҷӣ

паломничество *с* 1. зиёрат; ҳаҷ; **~ в Мекку** зиёрати Макка 2. *перен. разг.* зиёрат, саёҳат

палочк||а *ж* 1. *уменьш. к* **палка**; **дирижёрская ~а** чӯбчаи дирижёрӣ; **барабанные ~и** чӯбакҳои табл 2. ғулача; **~а мела** қалами табошир, парчаи бӯр 3. *разг.* хатчаи рост *(дар хатнависӣ)* 4. *бакт.* микроби чӯбчашакл; **~и Коха** микробҳои Кох; **~и сибирской язвы** микробҳои касалии сӯхтанӣ ◇ **~а-выручалочка** чӯбаки халоскунак *(номи як навъ бозии бачаҳо)*; **ноль без ~и** *прост.* ҳеҷ чӣ; ҳеҷ бар ҳеҷ

палочн||ый, -ая, -ое 1. ...и чӯб, ...и калтак; **~ые удары** зарби чӯб (калтак) 2. *перен.* бо зарби калтак, ҷабри, зулмона; **~ая дисциплина** интизоми сахт (ҷабрӣ)

палтус *м* палтус *(ҷинси моҳии баҳри аз гурӯҳи камбала)*

палуб||а *ж* 1. саҳни киштӣ; **верхняя ~а** саҳни болоии киштӣ; **нижняя ~а** саҳни поёнии киштӣ; **выйти на палубу** ба саҳни киштӣ баромадан 2. *(настил)* фарши тахтагӣ, тахтафарш

палубн||ый, -ая, -ое ...и саҳни киштӣ; **~ый настил** тахтафарши саҳни киштӣ; саҳндор; **~ое судно** киштии саҳндор

пал||ый, -ая, -ое 1. *обл.* мурдаги, ҳаром мурдагӣ, худмурда; **~ая лошадь** аспи ҳаром мурдагӣ 2. *разг.* *(опавший)* тагрехта

-палый, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки қисми аввалаш шумора буда, дорои фалон қадар ангуштро ифода мекунад*: **трехпалый** сеангушта, сеангуштдор

паль *ж обл.* ҷои алафаш сӯхтагӣ, ҷои дарахтҳояш сӯхтагӣ

пальб||а *ж* *(по знач. гл.* **палить** II*)* тирандозӣ, тирпарронӣ, тирхоликунӣ;

пу́шечная ~а туппарронӣ; руже́йная ~а милтиқпарронӣ; **откры́ть ~у́** тирпарронӣ сар кардан

па́льма *ж* нахл, дарахти нахл; **коко́совая ~** нахли норҷил; **фи́никовая ~** нахли хурмо ◇ **~ пе́рвенства** ҷои якум, пешдастӣ *(дар ягон комьёбӣ)*

пальме́тта *ж архит.* пальметта *(нақшу нигор дар меъморӣ ба шакли барги нахли хурмо)*

па́льмов||ый, -ая, -ое ...и [дарахти] нахл; **~ые ли́стья** баргҳои нахл

пальну́ть *сов. однокр.* к **пали́ть** II; **~ из ружья́** як бор милтиқ паррондан

пальпа́ция *ж мед.* пальпация, ламскунӣ бо ангуштон

пальпи́ровать *сов., несов. кого-что мед.* бо ангуштон ламс карда дидан

пальто́ *с нескл.* пальто; **мехово́е ~** пӯстин; **зи́мнее ~** пальтои зимистонӣ

пальто́в||ый, -ая, -ое ...и пальто, пальтобоб; **~ая ткань** газвори пальтобоб, пальтворӣ

пальцеви́дн||ый, -ая, -ое (пальцеви́д|ден, -дна, -дно) *см.* **пальцеобра́зный**

пальцево́й, -а́я, -о́е ...и ангушт, ...и лела; **~ суста́в** банди ангушт

пальцеобра́зный, -ая, -ое (пальцеобра́|зен, -зна, -зно) ангуштшакл, ангуштмонанд, лелашакл

па́льчат||ый, -ая, -ое 1. ангуштмонанд, ангуштшакл; панҷамонанд; **~ые ли́стья** баргҳои панҷамонанд 2. дандонадор; **~ый культива́тор** культиватори дандонадор

па́льчик *м уменьш.-ласк.* к **па́лец** 1 ◇ **да́мские ~и** *(сорт винограда)* ангури ҳусайнӣ; **~и обли́жешь** 1) хеле бамаза, лазиз, хуштаъм, оби даҳан меравад 2) дилфиреб, дилчасп, ҷозиб, дилкаш

паля́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* партканда, сӯзонанда 2. *прил.* сузон, тафсон, доғ; **~ие лучи́ со́лнца** шуоъҳои тафсони офтоб

па́мпа *ж см.* **пампа́сы**

пампа́сн||ый, пампа́сов||ый, -ая, -ое ...и пампасҳо; **~ая расти́тельность** набототи пампасҳо

пампа́сы *тк. мн.* пампасҳо *(даштҳои сералафи Америкаи Ҷанубӣ)*

пампу́шка *ж обл.* кулчаи лунда

памфле́т *м* памфлет, ҳаҷвия *(ба муқобили ягон шахс, воқеаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ.)*

памфлети́ст *м* памфлетнавис, ҳаҷвиянавис

памфле́тный, -ая, -ое ...и памфлет, ...и ҳаҷвия

па́мятка *ж* қайд, ёддошт, руйхатча // дастури мухтасар; **~ садово́да** дастури мухтасари боғбон

па́мятливость *ж разг.* хушзеҳнӣ, қувваи ҳофиза

па́мятливый, -ая, -ое (памятлив, -а, -о) *разг.* хушзеҳн, хушҳофиза, қувваи ҳофизааш нағз

па́мятник *м* 1. ҳайкал, ёдгорӣ, бинои ёдгорӣ; **~ Маяко́вскому** ҳайкали Маяковский 2. *(на могиле)* санги қабр, лавҳи мазор, обида 3. осори таърихӣ, осори маданияти гузашта; **археологи́ческие ~и** ёдгориҳои археологӣ; **~и пи́сьменности** осори адабии қадима

па́мятн||ый, -ая, -ое (па́мят|ен, -на, -но) 1. фаромушношуданӣ, фаромушнашаванда; **~ое собы́тие** воқеаи фаромушношуданӣ 2. *тк. полн. ф.* ...и ёддошт, ...и хотира; **~ая кни́жка** дафтарчаи хотира 3. *тк. полн. ф.* хотиравӣ, хотировард; **~ые нагру́дные зна́ки** нишонҳои хотиравии сари сина

па́мят||овать *несов. что, о ком-чём и с прид. доп. чаще в ф. деепр. книжн.* дар ёд (дар хотир) нигоҳ доштан, фаромӯш накардан; **~уя об э́том...** инро дар хотир нигоҳ дошта...

па́мят||ь *ж* 1. ёд, зеҳн, хотир, қувваи ҳофиза; **зри́тельная ~ь** ҳофизаи чашм; **у него́ хоро́шая ~ь** қувваи ҳофизаи у нағз аст; зеҳни у тезаст; **е́сли мне не изменя́ет ~ь** агар аз хотирам набаромада бошад, агар аз ёдам нарафта бошад; **вы́учить на ~ь** аз ёд кардан, аз бар (ҳифз) кардан 2. ёдоварӣ, ёдгорӣ, хотира, ёдбуд; **храни́ть ~ь о поги́бших геро́ях** қаҳрамонони шаҳидро ёдоварӣ кардан; **подари́ть на ~ь** барои ёдгорӣ туҳфа додан 3. ҳуш, ҳис; **больно́й лежа́л без ~и** бемор беҳуш мехобид ◇ **ве́чная ~ь** *кому* хотираи абадӣ; **дыря́вая (коро́ткая, кури́ная) ~ь** фаромушхотирӣ, ҳофизаи суст; **блаже́нной (све́тлой, незабве́нной) ~и** *уст.* ёдаш ба хайр, марҳум, раҳматӣ; **без ~и** 1) маҷнунвор, шайдоиёна, девонавор; **люби́ть без ~и** маҷнунвор дуст доштан, ошиқи шайдо шудан 2) *в знач. сказ. от кого-чего* мафтун шуда аст, дилдода аст; **он от тебя́ без ~и** вай мафтуни ту шудааст, вай ба ту дил бохтааст; **из ~и вон [вы́скочило]** аз хотир баромад, фаромуш шуд; **на ~и кого́-л., чье́й-л.** дар хотири (дар ёди) касе будан; **э́тот слу́чай на мое́й ~и** ин воқеа дар хотирам ҳаст; **на ~ь, по ~и** аз ёд (гуфтан, нақл кардан, донистан); **по ста́рой ~и** гузаштаро ба ёд оварда; **вы́бросить (вы́кинуть, вы́черкнуть) из ~и** *кого-что* аз хотир баровардан; **вы́жить из ~и** пир шуда ақлро гум кардан; **вы́лететь (вы́пасть, вы́скочить, улету́читься) из ~и** тамоман аз хотир баромадан, тамоман фаромуш шудан; **вы́пустить из ~и** аз хотир баровардан, фаромуш кардан; **заруби́ть [себе́] в ~и** *прост.* нағзакак ба хотир гирифтан; **изгла́диться из ~и** фаромуш кунондан, аз хотир (аз ёд) рафтан; **лиши́ться ~и** *уст.* беҳис (беҳуш) шудан, аз ҳуш рафтан; **не выхо́дит из ~и** фаромуш намешавад, аз хотир намебарояд; **прийти́ на ~ь** ба хотир (ба ёд) омадан; **дай бог ~ь** ҳофиза мададгор шавад

пан *м* 1. *ист.* пан *(пеш аз революция помещик дар Украина, Белоруссия ва Польша)* 2. *ист. (хозяин, господин)* хӯҷаин, хоҷа *(дар Украина ва Белоруссия пеш аз революция)* 3. *ист. обращ.* пан, ҷаноб, оғо 4. *вежл. обращ.* пан *(дар Польша ва Чехословакияи ҳозира)* ◇ **~ и́ли пропа́л; ли́бо ~, ли́бо пропа́л** *погов.* ≈ ҳар чӣ бодо бод; **жить ~ом** меҳнат накарда бо роҳат руз гузарондан

пан- қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ҳама», «том», ки ба ҳама дахл доштани амал ё ҳодисаи дар қисми дуюми калимаи мураккаб ифодашударо нишон медиҳад: **пангермани́зм** пангерманизм; **пантюрки́зм** пантуркизм

панаги́я *ж* панагия *(нишони сарисинагӣ ба шакли иконачаи нигинакорӣ, ки руҳониёни олимансаби насронӣ аз руи либос ба гардан овехта мегарданд)*

пана́ма I *ж* панама (1. *кулоҳи тобистонии паҳнлапар* 2. *як хел матои якранг аз абрешими сунъӣ)*

пана́ма II *ж* панама *(дуздӣ ва қаллобии хеле калон бо харида гирифтани мансабдорони олӣ)*

пана́мка *ж уменьш.* к **пана́ма** I

панари́ций *м мед.* панариций *(варами фасодноки ангушти даст)*

панаце́я *ж книжн.* панацея (1. *воситае — тадбире, ки дар ҳамаи мавридҳои зиндагӣ ба кор меояд* 2. *давои хаёлии кимьёгарон, ки гуё ҳамаи касалиҳоро сиҳат мекунад)* ◇ **~ от всех зол** дафъи (радди) ҳамаи балоҳо; дармони ҳамаи дардҳо

панба́рхат *м* гулбахмал

панда́н *м нескл. уст.* мувофиқат, мутобиқат; **в ~ к кому́-чему́-л.** муносиби (мувофиқи) касе, чизе

панде́кты *мн. ист.* пандектҳо *(маҷмӯи қарорҳои ҳуқуқшиносони Рими Қадим, ки ҳамчун маълумотнома оид ба масъалаҳои ҳуқуқ истифода мешуд)*

пандеми́я *ж* пандемия *(вабое ки қисми зиёди аҳолии мамлакат ва гуруҳи кишварҳоро фаро мегирад)*

панджара́ *ж* панҷара, панҷарагулчин

панду́ри *м нескл. муз.* пандурӣ *(асбоби мусиқии сетори гурҷиҳо)*

па́ндус *м архит.* пандус *(остонаи васеи мусаттаҳи нишеб дар даромадгоҳи баъзе иморатҳо)*

панеги́рик *м ист. лит.* панегирик, мадҳия, нутқи пуртаъриф; сухани маддоҳона // *перен. книжн.* ситоиши аз ҳад зиёд, мадҳу сано

панегири́ст *м* 1. *ист. лит.* панегирист, мадҳиянавис, мадҳияхон, маддоҳ, санохон, саногӯй 2. *перен. книжн.* маддоҳи гузаро

панегири́ческ||ий, -ая, -ое *книжн.* панегирикӣ, пур аз мадҳу сано, пур аз таъриф, маддоҳона, пурситоиш; **~ое произведе́ние** асари маддоҳона, мадҳия

пане́ль *ж* 1. ҷои пиёдагарди куч; пайраҳа 2. *(облицовка)* панель *(қисми поёнии тахтабандӣ ё ранг кардашудаи девор)*; **~ из оре́хового де́рева** панели чуби чормағз 3. *стр.* панель *(лавҳаи чӯбин ё оҳану бетонӣ, ки дар бинокории ҳозиразамон истифода мешавад)* 4. *горн.* панель *(сатҳи чоркунҷа ё росткунҷаи кон, ки аз он маъдани дар қабатҳои гуногун бударо мебароранд)*

пане́льный, -ая, -ое *в разн. знач.* панелӣ, ...и панель

па́ни *нескл. женск.* к **пан** 3, 4

панибра́тский, -ая, -ое *разг.* бетакаллуфона, густохона; **~ тон** оҳанги бетакаллуфона

панибра́тство *с разг.* муомилаи бетакаллуфона (густохона)

па́ник||а *ж* воҳима, ҳаросонӣ, даҳшат; **не впада́ть в ~у** воҳима накардан, ба воҳима наафтодан, натарсидан

паникади́ло *с* қандил, чилчироғ *(ки дар калисо дар пеши иконаҳо овехта ё гузошта мешавад)*

паникёр *м* воҳимачӣ, воҳимаандоз, ваҳмакӣ; буздил

паникёрск||ий, -ая, -ое ...и воҳимачӣ, ...и воҳимаандоз; ...и буздил; **~ие настрое́ния** руҳияи воҳимаандозӣ

паникёрство *с* воҳимаандозӣ, воҳимачигӣ; буздилӣ

паникёрствовать *несов. разг.* воҳима кардан, ба воҳима (ба даҳшат) афтодан; буздилӣ кардан

паникёрша *женск. к* **паникёр**

паникова́ть *несов. прост. см.* **паникёрствовать**

панирова́ть *сов., несов. что кул.* ба орд (ба нони қоқи куфта) ҷулондан (ғелондан)

панирова́ться *несов. страд.* ба орд (ба нони қоқи куфтагӣ) ҷулонда (ғелонда) шудан

панировка *ж (по знач. гл.* **панирова́ть***)* ба орд (ба нони қоқи куфта) ҷулондан(и); **~ котлёт** ба орд ҷӯлондани котлета

панировочн||ый, -ая, -ое *кул.* барои ҷулондан (ғелондан) истифодашаванда; **~ые сухари** нони қоқи кӯфта

панислами́зм *м* панисломизм *(идеологияи сиёсию динӣ, ки ба тасаввуроти ягонагии мусулмонони тамоми олам ва зарурияти дар як давлати мусулмонӣ муттаҳид шудани онҳо асос меёбад)*

панихи́да *ж церк.* маросими дафн, маросими ҷаноза ◇ **гражда́нская ~** маросими мотам

панихи́дн||ый, -ая, -ое 1. *церк.* ...и маросими дафн, ...и маросими ҷаноза; **~ое пе́ние** қироати ҷаноза, ҷанозахонӣ, фотиҳахонӣ 2. *перен. разг.* андухгин(она), маҳзун, ғамгин(она), ҳазин, маъюс

пани́ческ||ий, -ая, -ое 1. воҳиманок, воҳимаангез, даҳшатнок; **~ое настрое́ние** руҳияи воҳимаандозӣ; **~ий у́жас** тарси ваҳшатзо 2. *разг. (легко поддающийся панике)* ваҳмакӣ, воҳимакунанда, воҳимаандоз

панлоги́зм *м* панлогизм *(назарияи фалсафаи идеалистӣ, ки аз рӯи он воқеияти объективӣ таҷассуми идеяҳо буда, гӯё қонунҳои асосии воқеият қонунҳои мантиқанд)*

па́нна *ж* 1. *ист.* духтари қадраси пан 2. *обращ.* панна, хонимдухтар

панно́ *с нескл.* 1. *архит.* панно *(лавҳаи бонақшу нигор ва гаҷкоришуда дар сақф ва девори бино)*; 2. *(картина, барельеф)* панно, расми калон, сурати барҷаста *(дар сақф ва деворӣ хона)*

па́нночка *ж уменьш.-ласк. к* **па́нна**

пано́птикум *м* паноптикум, аҷоибхона *(музее, ки дар он ҳайкалҳои мумии қадимӣ ва ҳаргуна чизҳои аҷибу ғариб намоиш дода мешавад)*

панора́ма *ж* 1. намуд, манзара; **~ города** манзараи шаҳр 2. панорама *(сурати калон дар девори бинои мудаввари сақфаш равшан)*; **~ Бороди́нской би́твы** панорамаи муҳорибаи Бородино 3. *воен.* панорама *(асбоби пурбини зовиясанҷ барои ба ҳадаф рост кардани туп)*

панора́мный, -ая, -ое панорамӣ, ...и панорама; **~ кинотеатр** кинотеатри панорамӣ

пансио́н *м* 1. пансион *(мактаби миёна дар хориҷа ва Россияи тореволюционӣ, ки талабагон дар он ҷо таъминоти пурра мегирифтанд)* 2. пансион *(як навъи меҳмонхона дар хориҷа ва Россияи тореволюционӣ)* 3. таъминоти пурра; **ко́мната с ~ом** як хона бо таъминоти пурраащ; **жить на по́лном ~е** дар таъминоти пурра будан *(оид ба иҷоранишинони пансион)*

пансиона́т *м* 1. пансионат, таъминоти пурра *(дар баъзе мактабҳо, истироҳатгоҳҳо ва ғ.)* 2. пансионат, меҳмонхона

пансионе́р *м* 1. пансионер, шогирди (тарбиягирандаи) пансион 2. пансионер, иҷоранишини пансион 3. пансионер *(касе, ки дар таъминоти пурраи пансион аст)*

пансионе́рка *женск. к* **пансионе́р**

пансио́нный, -ая, -ое *см.* **пансио́нский**

пансио́нск||ий, -ая, -ое пансионӣ, ...и пансион; **~ое воспита́ние** тарбияи пансионӣ; **~ая жизнь** зиндагии пансионӣ

па́нск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и пан, панӣ, ...и панҳо; **~ое име́ние** мулки пан; **~не привы́чки** одатҳои панҳо

па́нство *с собир. уст.* 1. панҳо; ҷанобҳо 2. рафтори ашрофона (мутакаббирона, калонгирона)

панталоны *мк. мн.* 1. *уст.* шим, шалвор, эзор 2. *(женские)* пойҷома, лозимӣ

панталы́к *м разг.:* **сбить с ~у кого́-л.** 1) *(привести в замешательство)* майнаи касеро гиҷ кардан, касеро гаранг кардан 2) *(толкнуть на что-л. плохое)* аз роҳ баровардан, гумроҳ (бероҳа) кардан; **сби́ться с ~у** 1) *(прийти в замешательство)* майнагиҷ шудан, гаранг шудан 2) *(пойти на что-л. плохое)* аз роҳ баромадан, гумроҳ (бероҳа) шудан

панта́ч *м зоол.* пантач *(нарғавазни ҷавони холдори шохаш ҳанӯз шахнашуда)*

пантеи́зм *м* пантеизм *(назарияи фалсафист, ки худоро бо табиат як мешуморад ва табиатро таҷассуми худо медонад)*

пантеи́ст *м* пантеист, пайрави пантеизм

пантеисти́ческ||ий, -ая, -ое пантеистӣ, ...и пантеизм, ...и пантеист; **~ое возэре́ние** ақидаи (назарияи) пантеистӣ

пантео́н *м* 1. пантеон, маъбади хамаи худоён *(дар Юнон ва Рими Қадим)* 2. пантеон *(номи умумии ҳамаи худоҳои ягон дини политеистӣ)* 3. *(место погребения)* мақбара, маркад, пантеон

панте́ра *ж* юз

панто́граф *м* пантограф (1. *асбоби нусхабардорӣ* 2. *тех. олатест дар боми электровоз барои гирифтани ҷараёни электрик аз сими васлкунанда)*

пантографи́ческий, -ая, -ое пантографӣ, ...и пантограф

панто́метр *м* пантометр *(асбоби зовиясанҷ барои кашидани харитаи топографии ҷангал ё ботлоқҳои торфдор)*

пантоми́ма *ж театр.* пантомима *(тамошои театрӣ, ки иштироккунандагони он мақсадро бо имою ишораҳо ифода мекунанд)*

пантомими́ческий, -ая, -ое *см.* **пантоми́мный**

пантоми́ми||ый, -ая, -ое *театр.* пантомимӣ, ...и пантомима; **~ое представле́ние** тамошои пантомимӣ

панторе́зный, -ая, -ое пантбур, ...и пантбурӣ; **~ стано́к** дастгоҳи пантбурӣ

па́нты *мк. мн.* пантҳо *(шохҳои нави ҳануз шах нашудаи гавазнҳои ҷавон, ки барои тайёр кардани доруҳо истифода мешаванд)*

пантюрки́зм *м* пантуркизм *(ҷараёни иртиҷоии миллатчигӣ)*

па́нцирн||ый, -ая, -ое 1. ...и зиреҳ, ...и ҷавшан; **~ые ко́льца** ҳалқачаҳои ҷавшан 2. зиреҳпуш; **~ое су́дно** киштии зиреҳпуш

па́нцирь *м* 1. *ист.* зиреҳ, ҷавшан, чороина 2. зиреҳ *(ҷилди сахт ва дурушти баъзе ҳайвонот)*; **~ черепа́хи** косаи (косахонаи) сангпушт 3. *(броня)* зиреҳ; **~ парово́за** зиреҳи паровоз

па́ныч *м ист.* панбача, бойбача

па́па I *м* дада, дадо, падар

па́па II *м* папа *(сарруҳонии католикҳо)*; **ри́мский ~** папаи Рим

папа́йя *ж (дынное дерево)* нахли харбуза

папа́ня *м прост.* дадаҷон, дадекам, падарҷон

папа́ха *ж* попох

папа́ша *м разг.* 1. дадаҷон, дадекам, падарҷон 2. *прост. обращ.* пирам, падарам

па́перть *ж* айвончаи даромадгоҳи калисо, даҳлези калисо

папильо́тка *ж* папильотка *(коғазпорае, ки занҳо барои ҷингила кардани мӯй кор мефармоянд)*

па́пин, -а, -о ...и падар, аз они падар; **~ы кни́ги** китобҳои падар

папироло́гия *ж* папирология *(илмест, ки дастхатҳои қадими дар папирус навишташудаи Мисрро тадқиқ мекунад)*

папиро́са *ж* папирос

папиро́ска *ж разг. см.* **папиро́са**

папиро́сница *ж* папиросдон, қуттии папирос

папиро́сн||ый, -ая, -ое папиросӣ, ...и папирос; **~ая фа́брика** фабрикаи папиросбарорӣ; **~ая бума́га** коғази папирос

папи́рус *м* 1. папирус, бардӣ *(растании минтақаҳои тропикӣ аз ҷинси най, чиғ)* 2. папирус *(масолеҳи хатнависӣ, ки мисриён ва дигар халқҳои қадим аз ин растанӣ тайёр мекарданд)*

па́пка I *ж* 1. папка, ҷузъгир; **~ для бума́г** ҷузъгир 2. *уст. (картонный переплёт)* муқоваи картонӣ

па́пка II *м прост.* дада, дадо, ота

папоротник *м* папоротник, фарн
папоротниковидные *мн. бот.* растанихои аз чинси папоротник (фарн)
папоротников||ый, -ая, -ое папоротникӣ, фарнӣ, ...и папоротник (фарн); **~ые листья** баргҳои папоротник
папочка I *м ласкат. к* папа I
папочка II *ж уменьш. к* папка I
паприка *ж* қаламфур, занҷабил
папск||ий, -ая, -ое ...и папа; **~ая митра** тоҷи папа; **~ая курия** курияи папа *(маҷмӯи муассисаҳои марказӣ, ки папаи Рим ба воситаи онҳо калисои католикиро идора мекунад)*
папство *с* ҳокимияти папа
папуас *м* папуас
папуаска *ж* папуасзан, папуасдухтар
папуасы *мн.* папуасҳо *(аҳолии аслии Гвинеяи Нав ва баъзе ҷазираҳои дигари Меланезия)*
папула *ж мед.* папула *(донача, гармичае, ки дар пусти бадан аз баъзе касалиҳои пӯст пайдо мешавад)*
папье-маше *с нескл.* папье-маше *(хамираи коғаз, ки аз омезиши ширеш, гач ва бур тайёр карда шуда, барои бо қолиб сохтани чизҳои гуногун истифода мешавад)*
пар I *м* 1. буғ, бухор; **конденсация ~а** конденсацияи буғ, ба об табдил ёфтани буғ; **превращение воды в ~** буғ шудани об; **ртутные ~ы** бухорн симоб 2. буғ; **~ от дыхания** буғи нафас 3. *разг.* буғи (бухори) ҳаммом; **~ костей не ломит** *посл.* бухори ҳаммом устухон нашиканад ◇ **винные ~ы** хумори май, хумори арақ; **на всех ~ах** бо суръати тамом, бо тамоми суръат, шитобон; **поезд мчался на всех ~ах** поезд барқосо мерафт; **под ~ами** 1) омодаи роҳравӣ, ба равонашавӣ тайёр *(дар хусуси пароход ё паровоз)*; 2) *прост.* ширакайф, сархуш, сармаст, кайфаш баланд, махмур; **он сегодня под ~ами** имрӯз кайфаш баланд; **с лёгким ~ом!** бардам бошед! *(иборае, ки ба каси аз ҳаммом баромада мегӯянд)*; **задать ~у кому-л.** *прост.* касеро сарзаниш (коҳиш) кардан; **поддать ~у** *кому прост.* ангезондан, руҳбаланд кардан, илҳом бахшидан; **поднять ~ы** фишори буғро баланд кардан
пар II *м с.-х.* замини дам додашуда; **земля под ~ом** замини дам додашуда; **обработка ~ов** киштукори замини дам додашуда; **занятой ~** замине, ки дар он то кишти тирамоҳӣ ягон зироат кошта бошанд; **чёрный ~** замини шудгор карда дам додашуда; **чистый ~** замини тамоми тобистон дам додашуда
пар||а *ж* 1. ҷуфт, ду адад, дута; **~а белья** куртаву эзор; **~а сапог** як ҷуфт муза; **две ~ы ножниц** ду дона қайчӣ 2. *(мужской костюм)* костюми мардона *(шиму пиҷак)* 3. аробаи дуаспа; **ездить на ~е** бо аробаи дуаспа савора рафтан; **~а на отлёте (с отлётом)** ҷуфти аспи ароба, ки яке ба шоту баста шуда, дигаре шатак аст 4. ду кас; **влюблённая ~а** ошиқу маъшуқа; **супружеская ~а** зану шавҳар // *в знач. нареч.* **парами** ҷуфт-ҷуфт, дута-дута; **строиться ~ами** дукасӣ (ду кас-ду кас) саф кашидан 5. *в знач. сказ. кому чаще с отриц. разг.* муносиб, мувофиқ; **он тебе не ~а** вай ба ту муносиб нест 6. *счётное сл. разг.* ҷуфт, дута, ду дона; **съесть ~у яблок** ду дона себ хӯрдан // *(несколько) прост.* як-ду, ду-се; **через ~у дней** як-ду (ду-се) рӯз пас ◇ **в ~е** *и прост.* **на ~у** дукаса, бо ҳамроҳии касе; **~а пустяков** *прост.* ҳеҷ гап не; **это сделать ~а пустяков** инро иҷро кардан ҳеҷ гап не; **два сапога ~а** кар додари кур; **сказать ~у тёплых слов** *прост.* ду даҳан гапи хуш задан
парабеллум *м* парабеллум *(як хел таппончаи автоматӣ)*
парабола *ж* парабола, қатъи адасӣ *(хати каҷи ду нӯгаш васлнашуда, ки ҳар нуқтаи он аз як фокус ва аз як директриса ба масофаи баробар воқеъ аст)*
параболическ||ий, -ая, -ое 1. параболӣ, параболашакл; **~ая кривая** хати каҷи параболашакл 2. параболоидӣ, параболоидшакл; **~ое зеркало** оинаи параболоидшакл
параболоид *м* параболоид
парагваец *м* парагвай
парагвайка *ж* парагваизан, парагваидухтар
парагвайский, -ая, -ое парагвай, ...и Парагвай
парагвайцы *мн.* парагваиҳо
параграф *м* 1. параграф, боб, модда, банд; **второй ~** параграфи дуюм 2. *(знак)* аломати §
парад *м* 1. парад, намоиш; **~ войск** паради кушун; **военный ~** паради ҳарбӣ; **физкультурный ~** паради физкультурчиён 2. *разг.* иду тантана, ороиши идона; **убраться для ~а** худро ороcтан ◇ **в полном (во всём) ~е** бо камоли карруфар
парадигма *ж грам.* парадигма, ҷадвали тасрифи ягон калима
парадиз *м уст.* 1. *(рай)* ҷаннат, биҳишт, фирдавс 2. *разг. уст.* *(раёк)* галёрка, қатори баландтарин *(дар театр)*
парадировать *несов. книжн.* бо тантана (бо шукуҳу азамат) роҳ рафтан
парадно *нареч.* тантанавор, идона, бо карруфар
парадность *ж* пуртантана будан(и)
парадн||ый, -ая, -ое (парад|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* ...и намоиш; **~ое шествие** намоиш 2. иди, идона, тантананок, тантанавор, бокарруфар, бошукуҳ; **~ая форма** либоси расмии идӣ; **~ое платье** либоси идона, либоси ҷойравӣ; **~ый вид** намуди идона (тантананок); **~ый стол** дастархони идона, дастархони пурнозу неъмат 3. *(показной)* намоишкорона 4. *тк. полн. ф.* *(главный — о лестнице, входе)* калон, асосӣ; **~ый ход** даромадгоҳи асосӣ // *в знач. сущ.* **парадное** *с и разг.* **парадная** *ж* дари асосӣ, даромадгоҳи асосӣ; **войти с ~ого** аз дари асосӣ даромадан
парадокс *м* парадокс *(фикре, ки бо ақидаҳои маъмулӣ мувофиқат намекунад)*
парадоксальность *ж* парадокс будан(и); ғайриоддӣ будан(и), аз ақл берун будан(и); **~ взглядов** ғайриоддӣ будани фикрҳо, боварибахш набудани фикрҳо
парадоксальный, -ая, -ое (парадокса|лен, -льна, -льно) парадокснок, ...и парадокс; **~ случай** ҳодисаи парадокснок
паразит *м* 1. *биол.* паразит *(растанӣ ё ҳашароте, ки дар организмҳои дигар ҷой гирифта, аз ҳисоби онҳо зиндагӣ мекунад)*; **бактерии-~ы** бактерияҳои паразит 2. *перен.* паразит, муфтхӯр, туфайлихӯр 3. *прост. бран.* паразит, муфтхӯр, ҳаромхӯр
паразитарный, -ая, -ое *книжн.* ...и паразит, муфтхӯр, туфайлихӯр
паразитизм *м* 1. *биол.* паразитизм *(бо ҳам зистани ду организм, ки яке аз ҳисоби дигаре зиндагӣ мекунад)* 2. *перен. книжн.* муфтхӯрӣ, туфайлихӯрӣ
паразитирование *с* *(по знач. гл.* **паразитировать)** паразит будан(и); муфтхӯрӣ (туфайлихӯрӣ) кардан(и)
паразитировать *несов.* 1. *биол.* паразит будан 2. *перен. книжн.* муфтхӯрӣ (туфайлихӯрӣ) кардан
паразитическ||ий, -ая, -ое 1. ...и паразит; **~ие грибы** занбуруғҳои паразит 2. *перен.* муфтхӯр(она), туфайлихӯр(она); **~ий образ жизни** тарзи зиндагии муфтхӯрона
паразитн||ый, -ая, -ое 1. *биол.* ...и паразит; **~ые растения** набототи паразит 2. *тех.* паразитӣ, барзиёд, зарарнок; **~ые колебания** лаппишҳои зарарнок
паразитолог *м* паразитолог, мутахассиси паразитология
паразитология *ж* паразитология *(илми тадқиқкунандаи паразитҳо ва паразитизм)*
паразитство *с уст. см.* **паразитизм** 2
парализация *ж (по знач. гл.* **парализовать)** фалаҷкунӣ, шалкунӣ; карахткунӣ; *(по знач. гл.* **парализоваться** 1) фалаҷшавӣ, шалшавӣ; **~ конечностей** фалаҷшавии дасту по
парализова||ть *сов., несов. кого-что* 1. фалаҷ (шал) кардан; **у него ~ло правую руку** *безл.* дасти росташ фалаҷ шуд, дасти росташ шал шуд 2. *перен.* карахт (суст) кардан, аз ҳаракат мононданд; **~ть силы противника** қувваи душманро суст кардан
парализоваться 1. *сов., несов.* фалаҷ (шал) шудан 2. *несов. страд.* карахт карда шудан
паралитик *м разг.* фалаҷшуда, шалшуда
паралитический, -ая, -ое ...и фалаҷӣ, ...и шалӣ
паралич *м* 1. бемории фалаҷ, шалӣ; **его разбил ~** у фалаҷ шуд; **~ конечностей** шалшавии дасту по 2. *перен.* аз кор (аз ҳаракат) бозмондан(и)
паралични||ый, -ая, -ое 1. ...и бемории фалаҷ, ...и шалӣ; **~ое состояние** ҳолати шалӣ 2. фалаҷшуда, мафлуҷ, шалшуда, шал; **~ые конечности** дасту пои шал (шалшуда); **~ый старик** пири маф-

луч // *в знач. сущ.* **паралично́й** *м*, **паралично́я** *ж* марди (зани) мафлуҷ

паралла́кс *м* параллакс (1. *зоҳиран ҷойивазкунии чизи мушоҳидашаванда дар натиҷаи ҷойивазкунии чашмони муоинакунанда* 2. *астр. зовияе, ки ҷойивазкунии зоҳирии ягон ҷирми осмониро дар вақти аз як ҷой ба ҷои дигар гузаштани муоинакунанда андоза мекунад)*; **суточный** ~ параллакси якшабонарузӣ *(зовияи байни ду самт — аз ягон ҷои сатҳи Замин ва аз маркази кураи Замин — ба суи ягон ҷирми осмонӣ)*; **годи́чный** ~ параллакси солона *(зовияи байни ду самт аз ягон нуқтаи мадори курии Замин ва аз Офтоб — ба суи ягон ҷирми осмонӣ)*

параллакти́ческ||ий, -ая, -ое параллаксӣ, ...и параллакс; ~**ое смеще́ние** ҷойивазкунии параллаксӣ

параллелепи́пед *м* параллелепипед *(шакли шашруяе, ки ҳамаи руйҳои ба якдигар муқобили он ба ҳам баробар ва мувозианд)*

паралле́ли́зм *м* 1. *мат.* параллелизм, мутавозият, мувозӣ будан(и); ~ **плоскосте́й** мутавозияти сатҳҳо 2. параллелизм, айният, мутавозият; ~ **в рабо́те двух предприя́тий** айнияти кори ду муассиса

параллелогра́мм *м* параллелограмм *(шакли чоркунҷае, ки тарафҳои муқобили он ба ҳамдигар баробар ва мувозӣ мебошанд)*

паралле́л||ь *ж* 1. *мат.* [хатти] параллель, мувозӣ; **провести** ~**ь** хатти мувозӣ кашидан 2. *геогр.* хатти арз; ~**и** и **меридиа́ны** хатти арз ва хатти тул 3. *перен. книжн.* муқоиса, қиёс; аналогия; **провести** ~**ь между собы́тиями** ходисаҳоро бо ҳам қиёс кардан; **истори́ческие** ~**и** ходисаҳои қиёсшавандаи таърихи

паралле́льно *нареч.* 1. [ба таври] параллель, [ба таври] мувозӣ 2. дар айни замон, дар як вақт, дар баробари...

паралле́льность *ж* 1. *мат.* параллелият, мувозӣ будан(и); ~ **двух ли́ний** мувозӣ будани ду хат 2. *см.* **паралле́ли́зм** 2

паралле́льн||ый, -ая, -ое (паралле́|лен, -льна, -льно) 1. *мат.* параллели, ...и параллель, мувозӣ; ~**ые ли́нии** хатҳои мувозӣ; ~**ые пло́скости** сатҳҳои мувозӣ 2. ба ҳам параллель (мувозӣ); ~**ые у́лицы** кучаҳои ба ҳам мувозӣ 3. *перен.* ба ҳамдигар мушобеҳ, монанд; ~**ые кла́ссы** синфҳои ҳамдарс; ~**ые явле́ния** ходисаҳои мушобеҳ 4. яквақта, дар айни замон (дар як вақт) воқеъшаванда; ~**ая рабо́та двух аппара́тов** кори яквақтаи ду дастгоҳ ◇ ~**ые бру́сья** *спорт.* брусҳои параллель

парало́гизм *м лог.* паралогизм *(хулосаи ғалат дар натиҷаи хатои мантиқии ғайриихтиёрӣ)*

паралоги́ческий, -ая, -ое *лог.* ...и паралогизм, паралогӣ; ~ **вы́вод** хулосаи паралогӣ

пара́метр *м* параметр (1. *мат. бузургие, ки ба формулаи математикӣ дохил буда, моҳияти доимии худро фақат дар шароити як масъалаи муайян нигоҳ медорад* 2. *физ., тех. бузургӣ ё бузургиҳое, ки хусусиятҳои асосии ягон чиз ё ҳодисаро нишон медиҳанд)*

паранджа́ *ж* фаранҷӣ; чодар

парано́ик *м разг.* девонафеъл, девонаавзоъ

парано́йя *ж мед.* паранойя *(як навъи касалии руҳӣ)*

парапе́т *м* 1. тавора, панҷара; ~ **моста** панҷараи (катораи) пахлуи пул 2. *уст. воен.* парапет *(хоктуда барои муҳофиза аз тири душман)*

парапсихологи́ческ||ий, -ая, -ое парапсихологӣ; ~**ое иссле́дование** таҳқиқоти парапсихологӣ

парапсихоло́гия *ж* парапсихология (1. *соҳаи тадқиқоти доир ба шуури фавқулодда нозук ва хусусиятҳои телепатии инсон* 2. *қобилияти телепатии инсон)*

парати́ф *м мед.* паратиф *(касалии сахти гузаранда)*

паратифо́зн||ый, -ая, -ое паратифӣ, ...и паратиф; ~**ые явле́ния** аломатҳои паратиф; ~**ый больно́й** гирифтори касалии паратиф

пара́ф *м* 1. *(росчерк в подписи)* думаки имзо, думаки каҷу килеби имзо 2. *(инициалы)* параф, инициал *(ҳарфҳои аввалини ному фамилия)*

парафи́н *м* парафин *(моддаи сафеди муммонанди зудгудоз, ки аз нафт ҳосил мешавад)*; **жи́дкие** ~**ы** парафини моеъ

парафини́рование *с (по знач. гл.* **парафини́ровать)** парафинонидан(и), парафин задан(и), парафин молидан(и), парафинолуд кардан(и); ~ **бума́ги** парафинонидани коғаз

парафини́ровать *сов., несов. что* парафинонидан, парафин задан (молидан), парафинолуд кардан; ба парафин ғутондан; ~ **бума́гу** ба коғаз парафин задан

парафини́роваться *несов. страд.* парафинонида шудан, парафин молида шудан

парафи́нов||ый, -ая, -ое ...и парафин, парафини, парафиндор; ~**ое ма́сло** равғани парафин; ~**ая свеча́** шамъи парафини

парафи́рование *с (по знач. гл.* **парафи́ровать)** парафгузорӣ, гузоштани имзо бо инициал *(ягон ҳуҷҷати байналхалқиро пеш аз имзои расмӣ)*

парафи́ровать *сов., несов. что дип.* параф (инициал) гузоштан, пешакӣ имзо кардан *(ягон шартнома, созишномаи байналхалқиро пеш аз имзои расмӣ)*; ~ **догово́р** аҳдномаро пешакӣ имзо кардан

парафра́з *м см.* **парафра́за**

парафра́за *ж* парафраза (1. *лит. ибораe, ки маънои ягон ибора ё калимаро бо шарҳу эзоҳ баён мекунад, мас., «шоҳи ҳайвонот» ба ҷои «шер» ё «навигандаи ин сатрҳо» ва «каминаи камтарин» ба ҷои «ман»* 2. *муз. фантазияи мусиқӣ, ки ба мавзуи ягон асари дигари мусиқӣ тасниф шудааст)*

парафрази́рование *с (по знач. гл.* **парафрази́ровать)** ба тарзи парафраза нақлкунӣ; таснифот ба тарзи парафраза

парафрази́ровать *сов., несов. что лит., муз.* ба тарзи парафраза нақл кардан; ба тарзи парафраза тасниф кардан

парафрази́роваться *несов. страд.* ба тарзи парафраза нақл карда шудан

парафрасти́ческ||ий, -ая, -ое *лит., муз.* ...и парафраза, парафразӣ, ба тарзи парафраза нақлшуда, ба тарзи парафраза таснифшуда; ~**ое выраже́ние** ибораи парафразӣ

пара́ша *ж прост.* параша *(сатили калон ё чалакча дар ҳуҷраҳои зиндон барои наҷосат ва юндӣ)*

парашю́т *м* парашют; **пры́гать с** ~**ом** бо парашют паридан; **сбро́сить на** ~**е** бо парашют партофтан

парашюти́зм *м* парашютизм *(назария ва амалияи бо парашют паридан)*; **занима́ться** ~**ом** бо парашютизм машғул шудан

парашюти́рование *с (по знач. гл.* **парашюти́ровать)** парашютвор фуромадан(и) *(самолёт, аэростат)*

парашюти́ровать *сов., несов.* парашютвор фуромадан *(самолёт, аэростат)*

парашюти́ст *м* парашютчӣ

парашюти́стка *женск. к* **парашюти́ст**

парашю́тн||ый, -ая, -ое 1. парашюти, ...и парашют; ~**ый шёлк** абрешими (матои абрешимини) парашют; ~**ое кольцо́** ҳалқаи парашют; ~**ая вы́шка** манораи парашют 2. ...и парашютчӣ, парашюти; ~**ый деса́нт** десанти парашютчиён

парвеню́ *м нескл. уст.* тасодуфан ба мартабаи баланд расида; нодидаи барӯзрасида

пардо́н *уст. разг.* 1. *межд. (прости́те)* бубахшед, мебахшед, маъзур доред 2. *в знач. сущ.* **пардо́н** *м* узр, маъзарат, амон; **запроси́ть** ~**у** узр (маъзарат) хостан, амон талабидан

паре́з *м мед.* парез, фалаҷи ҷузъи

парёнек *м уменьш.-ласк. к* **па́рень**

паре́ние *с (по знач. гл.* **па́рить** I 1—3) буғдиҳӣ, дар буғ пухтан(и); ҷушондан(и); *(по знач. гл.* **па́риться** 1—4) дар буғ пухта шудан(и); ҷушонда шудан(и)

паре́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **пари́ть)** бол наҷунбонда парвозкунӣ; ~ **орла́** бол наҷунбонда парвоз кардани укоб; ~ **на планёре** бо планёр парвозкунӣ 2. *перен. уст. книжн.* парвози фикр (хаёл); ~ **мы́сли** парвози фикр

паренный *прич.* (па́рен, -а, -о) буғ додашуда; ҷушондашуда

па́рен||ый, -ая, -ое дампаз; ~**ая свёкла** лаблабуи дампаз ◇ **деше́вле** ~**ой ре́пы** *прост.* баҳои шалғам, бисьёр арзон, хоки сиёҳ; **про́ще** ~**ой ре́пы** бисьёр осон, саҳл

па́рень *м разг.* ҷавон, йигит ◇ **руба́ха-**~ одами софдил (дилкушод)

пари́ *с нескл.* гарав, шарт; **держа́ть** ~ гарав бастан, шарт кардан; **держу́** ~, **что...** гарав мебандам, ки...; **вы́играть** ~ гараврo бурдан

пари́жск||ий, -ая, -ое ...и Париж, парижӣ ◇ ~**ая зе́лень** сабзаи парижӣ *(доруи хокаи заҳрдори сабз барои нест кардани ҳашароти зараровар)*; **Па-**

рижская коммуна Коммунаи Париж; ~**ая лазурь** лочуварди парижӣ *(як навъ ранги кабуд)*

парик *м* парик, муи сохта (ориятӣ, сунъӣ)

парикмахер *м* сартарош, устои сартарош

парикмахерская *ж* сартарошхона

парикмахерск||ий, -ая, -ое ...и сартарош, сартарошӣ; ...и сартарошхона; ~**ие щипцы** анбури муй ҷингилакунӣ (фатилакунӣ)

парикмахерша *разг. женск. к* **парикмахер**

париковый, -ая, -ое ...и парик, ...и муи сохта (ориятӣ, сунъӣ)

парилка *ж разг. см.* **парильня**

парильн||ый, -ая, -ое ...и буғдиҳӣ; ~**ое отделение в бане** буғхонаи ҳаммом

парильня *ж* буғхона, бухорхона *(дар ҳаммом ва корхонаҳо)*

парильщик *м* 1. касе, ки дар ҳаммом худашро буғ медиҳад 2. ходими ҳаммом 3. коргари буғхона, буғдиҳанда; ~ **тканей** коргари матоъҳоро буғдиҳанда

парирование *с (по знач. гл.* **парировать**) гардондан(и), радкунӣ; рад, рад кардан(и); ~ **удара** гардондани зарба *(дар шамшербозӣ)*

парировать *сов., несов. что* 1. рад кардан, гардондан; ~ **удар** зарбаро рад кардан (гардондан) 2. *перен.* рад кардан; ~ **доводы оппонентов** далелҳои оппонентҳоро рад кардан

парироваться *несов. страд.* рад карда шудан

паритель *м ав.* лётчики планёр, бо планёр парвозкунанда

паритет *м* 1. *юр.* баробарӣ, баробарҳуқуқӣ 2. *эк.* паритет, ҳампоягӣ *(таносуби валютаи мамлакатҳои гуногун ба ҳисоби тилло)*

паритетность *ж юр.* баробарӣ, баробар будан(и); баробарҳуқуқӣ; ҳампоягӣ

паритетн||ый, -ая, -ое *юр.* баробар, баробарҳуқуқ, дар асоси баробарҳуқуқӣ ташкилшуда; ~**ое представительство** намояндагии баробарҳуқуқ; **на** ~**ых началах** дар асоси баробарҳуқуқӣ

пари||ть I *несов.* 1. *что* буғ додан, дар буғ пухтан; ~**ть репу** шалғамро дар буғ пухтан 2. *что* ҷӯшондан, ҷӯшонда тоза кардан; ~**ть бельё** ҷомашуиро ҷӯшондан // *что (прогревать)* гарм кардан *(бо буғ, оби ҷӯш бо мақсади муолиҷа)* 3. *кого-что (в бане)* бо ҷоруб зада шустан 4. *чаще безл.* дим шудан, дам додан (шудан); **перед грозой** ~**т** ҳаво пеш аз раъду барқ дим мешавад

парить II *несов. что с.-х.* дам додан; ~ **пашню** заминро шудгор карда дам додан

пари||ть *несов.* 1. бол наҷунбонда парвоз кардан; **высоко в небе** ~**т орёл** уқоб дар фазои осмон бол наҷунбонда парвоз мекунад // *(о планёре, самолёте)* парвоз кардан 2. *перен. уст. книжн.* дар осмони хаёл парвоз кардан, дар оламҳои хаёл сайр кардан; ~**ть в облаках** дар сар хаёли хом парваридан

париться *несов.* 1. дар буғ пухта шудан, буғ дода шудан; **овощи парятся** сабзавот дар буғ мепазад 2. ҷӯшонда шудан 3. *(в бане)* худро буғ додан; ~ **веником** худро бо ҷоруб зада шустан 4. *разг.* аз гармӣ беҳол шудан; 5. *над чем и без доп. перен.* араҷи ҷабин рехтан, зур зада кор кардан; ~ **над трудной задачей** дар болои ҳалли масъалаи душвор зур задан 6. *страд.* буғ дода шудан

пария *м, ж* 1. *ист.* пария *(шахси мансуб ба табақаи пасттарини Ҳиндустони Ҷанубӣ, ки аз ҳар гуна ҳуқуқ маҳрум буд)* 2. *перен.* мазлум, беҳуқуқ, радди маърака, мардуд

парк *м* 1. парк, боғ, чорбоғ; ~ **культуры и отдыха** боғи маданият ва истироҳат; **разбить** ~ боғ кардан 2. парк; **троллейбусный** ~ парки троллейбусҳо 3. *воен.* парк *(анбори сайёре, ки дар вақти ҷанг қӯшунро аз лавозимоти ҷангӣ, анҷоми эҳтиётии мошинҳо ва ғ. таъмин мекунад)* 4. парк *(маҷмӯи воситаҳои истеҳсолоти ягон соҳаи хоҷагӣ)*; **тракторный** ~ парки тракторҳо; **станочный** ~ парки дастгоҳҳо

парка I *ж см.* **парение**

парка II *ж (одежда)* парка *(дар Сибири шимолӣ пустини аз пусти гавазн муяш ба руй дӯхташуда)*

паркет *м* 1. *собир.* паркет; **мелкий** ~ паркети тахтачаҳояш майда; **дубовый** ~ паркети чӯби булут; **настилать** ~ паркет фарш кардан 2. *(пол)* паркет, фарши паркет

паркетный, -ая, -ое ...и паркет; ~ **пол** фарши паркет

паркетчик *м* паркетсоз, устои паркетсоз

парков||ый, -ая, -ое 1. ...и парк, ...и боғ, ...и чорбоғ; ~**ая аллея** хиёбони чорбоғ 2. *воен.* ...и парк; ~**ая бригада** бригадаи парк

парламент *м* парламент, маҷлиси шуро *(маҷлиси олии қонунбарори намояндагон дар мамлакатҳои буржуазӣ)*; **член** ~**а** аъзои парламент

парламентаризм *м* парламентаризм *(усули идоракунии давлат, ки дар он парламент сардорӣ мекунад)*; **буржуазный** ~ парламентаризми буржуазӣ

парламентарий *м* арбоби маҷлиси шуро, аъзои парламент

парламентарный, -ая, -ое парламенти, ...и парламентаризм; ~ **строй** сохти парламенти

парламентёр *м* элчӣ, фиристода, пайк

парламентёрск||ий, -ая, -ое ...и элчӣ; ...и фиристода, ...и косид; ~**ие полномочия** ваколати элчӣ (фиристода)

парламентёрство *с* вазифаи элчӣ (фиристода, пайк)

парламентск||ий, -ая, -ое парламенти, ...и парламент; парламентдор; ~**ая делегация** ҳайати вакилони парламент; ~**ая фракция** фракцияи парламенти; ~**ое государство** давлати парламентдор

парник *м* гулхона, парвардахона, гармхона

парников||ый, -ая, -ое ...и гулхона, ...и парвардахона, ...и гармхона; ~**ые овощи** сабзавоти парвардахона, сабзавоти дар гармхона парваришшуда

парнишка *м разг.* писарбача, писарак

парн||ой, -ая, -ое 1. *(о молоке)* навҷӯш; ~**ое молоко** шири навҷӯш // *(о мясе, рыбе)* навкушт; ~**ое мясо** гӯшти навкушт 2. *разг. (тёплый, душный)* дим, дам, буғу бухорнок

парнокопытный, -ая, -ое *зоол.* 1. ҷуфтсум, чоксум 2. *в знач. сущ.* **парнокопытные** *мн.* ҷуфтсумҳо, чоксумҳо *(номи гуруҳи ҳайвоноти ширхор)*

парность *ж* ҷуфт будан(и)

парн||ый I, -ая, -ое 1. ҷуфт, қуша; ~**ое копыто** ҷуфтсум, чоксум; ~**ые листья** баргҳои ҷуфт-ҷуфт, баргҳои қуша 2. дуаспа, қушаасп; ~**ый экипаж** фойтуни дуаспа 3. ҷуфт-ҷуфт, дута-дута, қуша-қуша; дукаса; ~**ая гребля** қаикронии дукаса; ~**ая игра в теннис** теннисбозии дукаса-дукаса (чаҳоркаса)

парн||ый II, -ая, -ое *прост.* 1. *см.* **парной** 2; 2. ...и буғ, ...и бухор; ~**ая отдушина** мурии буғбаро, буғмурӣ

паро- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «буғ», «бухор»:* **парообразование** буғшавӣ, бухоршавӣ

парование *с (по знач. гл.* **паровать**) дамдиҳӣ *(заминро)*; ~ **поля** дамдиҳии замин

паровать *несов. что с.-х.* дам додан; ~ **землю** заминро дам додан

паровик *м* 1. *тех.* деги буғ, деги бухор; муҳаррики буғӣ 2. *прост.* паровоз // поезди паровоздор

пароводян||ой, -ая, -ое буғию обӣ; ~**ое отопление** гармкунии буғию обӣ

паровоз *м* паровоз

паровозн||ый, -ая, -ое ...и паровоз; ~**ая топка** аловхонаи паровоз; ~**ое депо** депои паровозҳо *(қароргоҳ ва устохонаи паровозҳо)*

паровозоремонтный, -ая, -ое ...и паровозтаъмиркунӣ, ...и таъмири паровоз; ~ **завод** заводи таъмири паровоз

паровозостроение *с* паровозсозӣ

паровозостроительный, -ая, -ое ...и паровозсозӣ; ~ **завод** заводи паровозсозӣ

паров||ой, -ая, -ое I 1. буғӣ, ...и буғ ...и бухор; ~**ой двигатель** муҳаррики буғӣ; ~**ое отопление** гармкунии буғӣ 2. дампухт, буғпаз, дампаз; ~**ые котлеты** котлети дампухт

паров||ой II, -ая, -ое *с.-х.* 1. дам додашуда; ~**ое поле** замини дам додашуда 2. ...и дамдиҳии замин; ~**ая обработка поля** шудгор кардани замин *(барои дамдиҳии он)*

паров||ой III, -ая, -ое *(парниковый)* ...и гармхона, ...и гулхона, дар гарм-

хона сабзондашуда, дар гулхона парвариш кардашуда; ~**ые огурцы** бодирингҳои парвардахона

паровыхлопн||ой, -ая, -ое ...и буғсардиҳӣ, ...и буғбарорӣ; ~**ые трубы** карнайҳои буғбарорӣ, қубурҳои буғбарор

парогенератор *м* генератори буғ (бухор)

пародийность *ж* пародиянокӣ, пародиягӣ будан(и), тақлиди ҳаҷвӣ будан(и)

пародийн||ый, -ая, -ое ...и пародия, пародиянок, ...и тақлиди ҳаҷвӣ; ~**ый жанр** жанри пародия, жанри тақлиди ҳаҷвӣ; ~**ое произведение** асари пародиянок

пародирование *с* (*по знач. гл.* **пародировать**) пародиянависӣ, тақлиди ҳаҷвӣ навиштан(и); ~ **романа** навиштани тақлиди ҳаҷвӣ ба роман

пародировать *сов.*, *несов. кого-что* пародия навиштан, тақлиди ҳаҷвӣ навиштан; ҳаҷв кардан, масхараомез тақлид кардан

пародист *м* пародиянавис, нависандаи тақлиди ҳаҷвӣ

пародическ||ий, -ая, -ое ...и пародия, пародиянок, ...и тақлиди ҳаҷвӣ; ~**ое произведение** асари пародиянок

пародия *ж* 1. пародия, тақлиди ҳаҷвӣ 2. *перен.* тақлиди руякӣ (бемувaффақият)

парозанимающ||ий, -ая, -ее *с.-х.* ...и кишти замини дам додашуда; ~**ие культуры** зироати дар замини дам додашуда киштшаванда

пароконн||ый, -ая, -ое дуаспа, қушаасп; ~**ая подвода** аробаи дуаспа; ~**ый плуг** омочи оҳанини дуаспа

пароксизм *м* 1. *мед.* шиддати (авҷи) ягон беморӣ, хуруҷи ягон дард; ~ **кашля** хуруҷи сулфа; ~ **астмы** шиддати тангн нафас 2. *перен. книж.* авҷ; ~ **смеха** авҷи ханда

пароль *м* номи (исми) шаб

парольный, -ая, -ое ...и номи шаб; ~ **сигнал** ишораи номи шаб

паром *м* паром, киштии гузора (*кемаи тагпаҳне, ки ҳар хел борро аз дарьё, кӯл ё халиҷ мегузаронад*)

паромер *м* буғсанҷ, бухорсанҷ; ~ **трубопровода** буғсанҷи қубур (ғулба)

паромн||ый, -ая, -ое ...и паром, ...и киштии гузора; ~**ая пристань** истгоҳи киштии гузора (паром)

паромщик *м* паромчӣ, ронандаи киштии гузора

парообразн||ый, -ая, -ое (парообраз|ен, -на, -но) буғмонанд, бухормонанд, ...и буғ, ...и бухор; ~**ое состояние** ҳолати буғ (бухор).

парообразование *с* буғшавӣ, бухоршавӣ

парообразователь *м* буғҳосилкунанда, бухорҳосилкунанда

парообразовательный, -ая, -ое ...и буғшавӣ, ...и бухоршавӣ; ~ **процесс** процесси буғшавӣ

пароотводн||ый, -ая, -ое *тех.* буғбарор, бухорбарор; ~**ая трубка** найчаи буғбарор

пароохладитель *м* буғхунуккунак, бухорхунуккунак

пароперегреватель *м* буғгармкунак, бухоргармкунак

паропровод *м* қубури (ғулбаи) буғгузаронӣ (бухор)

паропроводн||ый, -ая, -ое ...и буғгузаронӣ, ...и бухоргузаронӣ, ...и бухоргузар; ~**ая труба** қубури буғгузаронӣ, ғулбаи бухоргузар

парораспределение *с* буғтақсимкунӣ, бухортақсимкунӣ

парораспределитель *м* буғтақсимкунак, бухортақсимкунак

парораспределительн||ый, -ая, -ое ...и буғтақсимкунӣ, ...и бухортақсимкунӣ, буғтақсимкунанда; ~**ая коробка** қуттии буғтақсимкунӣ

паросборник *м* буғанбор (*зарфест барои ҷамъ кардани буғ ва ба қубурҳо тақсим кардани он*)

паросилов||ой, -ая, -ое ...и табдилдиҳии қувваи буғ ба қувваи механикӣ; ~**ая установка** дастгоҳи табдилдиҳии қувваи буғ ба қувваи механикӣ

паротит *м мед.* паротит, варами ғадуди паси гӯш

пароход *м* пароход, киштӣ; **речной** ~ пароходи дарьёгард

пароходик *м уменьш. к* **пароход**

пароходн||ый, -ая, -ое ...и пароход, ...и киштӣ; ~**ый гудок** бонги пароход; ~**ое сообщение** пароходронӣ, киштиронӣ, рафтуой бо пароход (киштӣ)

пароходств||о *с* 1. муассисаи киштиронӣ, идораи нақлиёти пароходӣ; **речное** ~**о** муассисаи нақлиёти дарьёӣ 2. *уст. разг.* киштиронӣ

пароходчик *м разг.* соҳиби пароходҳо (киштиҳо) (*дар Россияи пеш аз революция*)

парочка *ж ласк. к* **пара** 1, 4, 6

парсизм *м* дини зардуштӣ

парт= *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ҳаммаънои калимаи «партиявӣ» мебошад:* **партсобрание** маҷлиси партиявӣ, **партшкола** мактаби партиявӣ

парт||а *ж* парта, курсии мактабӣ; **сесть за** ~**у** 1) ба парта нишастан 2) *перен.* чизеро аз сар (аз аввалаш) омухтан (ёд гирифтан)

партактив *м* фаъолони партиявӣ; **собрание районного** ~**а** маҷлиси фаъолони партиявии район

партбилет *м* билети партияви

пéрв||ый, -ая, -ое 1. *числ.* якум, якумин, аввал, аввалин; ~**ый курс** курси якум; ~**ый том** ҷилди якум; **в** ~**ых чи́слах января́** дар аввалҳои январь; **в** ~**ых рядáх** дар қаторҳои аввал 2. аввала, пештара, нахустин; ~**ые впечатлéния** таассуроти нахустин; ~**ый сон** руъёи нахуст; **при** ~**ой возмóжности** ҳамин ки имконият даст дод; ~**ые зáморозки** аёзи аввалини тирамоҳ 3. якумин, аввалин, нахустин; ~**ая любóвь** ишқи аввал 4. беҳтарин, аъло, якум; ~**ый ученик** талабаи якум (беҳтарин); ~**ая красáвица** хуби хубон, маликаи ҳусн; ~**ая прéмия** мукофоти якум; **шахмати́ст** ~**ой категóрии** шоҳмотбози дараҷаи якум 5. якум, якумин, муҳимтарин, асосӣ; **игрáть** ~**ые рóли** нақшҳои асосиро бозӣ кардан; **предмéты** ~**ой необходи́мости** лавозимоти асосӣ // *муз.* якум; ~**ая скри́пка в оркéстре** скрипкачии якуми оркестр 6. ҳар кадом, ҳар як, ҳар кас; ~**ый встрéчный** ҳар роҳгузаре, ҳар каси бегона 7. *в знач. сущ.* **пéрвое** *с* таоми якум *(шўрбо, карамшўрбо ва ғ.)* 8. *в знач. вводн. сл.* **пéрвое** *уст. и прост.* аввалан, якум ин ки... ◇ ~**ое дéло** *прост.* 1) дар навбати аввал, аз ҳама пеш, аввал 2) *в знач. сказ.* аз ҳама хубтар, аз ҳама беҳтар; ~**ым дéлом** дар навбати аввал, даставвал; ~**ым дóлгом** пеш аз ҳама, дар навбати аввал; ~**ая лáсточка** 1) парандаи нахуст 2) аввали кор; ~**ая пóмощь** ёрии аввалин; ~**ый попáвшийся** 1 *(такой, который ближе всего)* ҳар чизи ба даст афтода, ҳар чизи тасодуфӣ 2) *(случайный)* ҳар касе, ки рост ояд, касе, ки вохўрад; ~**ое слóво** 1) сароғоз, ибтидо 2) асл, моҳият; ~**ый сорт** *в знач. сказ.* беҳтарин, аъло; ~**ые шаги́**, ~**ый шаг** қадамҳои аввалин, ибтидои кор; **в** ~**ую гóлову** дар навбати якум, сараввал; **в** ~**ую óчередь** дар навбати аввал, пеш аз ҳама; **из** ~**ых рук (узнáть, получи́ть)** аз сарманбаъ (фаҳмидан, гирифтан; **на** ~**ый взгляд** ба назари аввал; **на** ~**ых порáх** дар ибтидо; **не** ~**ой мóлодости** солхўрда, миёнсол; **не** ~**ой свéжести** тару тоза не; кўҳна, кўҳнашуда; **влети́т тебé по** ~**ое числó** ту ҷазои сахт мебинӣ; **с** ~**ого взгля́да, по** ~**ому взгля́ду** 1) бо як дидан, якбора 2) ба назари аввал, аз таассуроти аввал; **с** ~**ого знакóмства** бо як дидан; **с** ~**ого слóва** аз оғози сухан; **игрáть** ~**ую скри́пку** сардорӣ кардан, мавқеи асосӣ доштан; ~**ый блин кóмом** *погов.* ≈ сари кор сар кафонад, қадами аввал — лукка

пергá *ж пчел.* гарди гул

пергáмен *м см.* **пергамент** 1, 2

пергáмент *м* пергамент (1. *пўсти ҳайвонот, ки ба таври махсус кор карда шуда, то пайдоиши коғаз барои хатнависӣ истеъмол мешуд* 2. *дастнависи қадимӣ дар рўи чунин пўст* 3. *коғази ғафсе, ки об ва равғанро намегузаронад)*

пергáментн||ый, -ая, -ое ...и пергамент, пергаменти; дар рўи пергамент навишташуда; ~**ая бумага** коғази пергамент

пергами́н *м* пергамин (1. *коғази тунуки сахт ва шаффоф, ки барои нусхабардорӣ истифода мешавад* 2. *стр. картони махсус, ки ба сақфи биноҳо ва қабати дохилии бом зада мешавад)*

пергидрóль *м хим.* пергидроль *(маҳлули обакии туршиҷ водород)*

пере- *приставка префиксест барои сохтани феълҳо, ки маъноҳои зеринро ифода мекунанд:* 1) *аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат кардан, аз* [*болои*] *чизе гузаштан* — **переплы́ть** шино карда гузаштан 2) *аз нав ё ба тарзи дигар такрор кардани амал* — **передéлать** аз нав кор кардан; **перешить** аз нав дух-

тан 3) *аз ҳад гузарондан* — **пересолить** бисьёр намак зада шур кардан; **перехвалить** аз ҳад зиёд таъриф кардан 4) *бартарӣ, афзалият дар ягон кор* — **переспорить** дар баҳс ғолиб омадан 5) *паҳншавии амал ба ашхосу ашьёи бисьёр* — **перессорить** бисьёр касонро бо ҳам ҷанг андохтан 6) *ба ду ё ба ҷанд қисм тақсим кардани чизе* — **перерубить** бурида ду булак кардан 7) *аз як ҳолат ба ҳолати дигар табдил додан* — **пережечь** сухта табдил додан (*мас., ҳезумро ба ангишт*) 8) *андаке давом кардан ё кутоҳмуддат будани амал* — **перекурить** танаффус карда тамоку кашидан; **перекусить** каме хурок хӯрдан 9) *бо бандаки «-ся» дутарафа будани амалро мефаҳмонад* — **переписываться** мукотиба доштан; **переглядываться** ба ҳамдигар нигоҳ кардан

переадресовать *сов. что* адресро дигар карда фиристодан; ~ **письмо** адреси мактубро дигар карда фиристодан

переадресовка *ж (по знач. гл.* **переадресовать**) адресро дигар карда фиристодан(и)

переадресовывание *с см.* **переадресовка**

переадресовывать *несов. см.* **переадресовать**

переассигновать *сов. что* маблағҳоро аз нав тахсис кардан

переассигновывать *несов. см.* **переассигновать**

переаттестация *ж (по знач. гл.* **переаттестовать**) аз нав тавсиядиҳӣ

переаттестовать *сов. кого-что* аз нав аттестация кардан, аз нав тавсия додан; ~ **научных сотрудников** коркунони илмиро аз нав аттестация кардан

переаттестовывать *несов. см.* **переаттестовать**

переаттестовываться *несов. страд.* аз нав аттестация карда шудан

перебазирование *с (по знач. гл.* **перебазировать**) кучондан(и), ба мавқеи нав гузаронидан(и); *(по знач. гл.* **перебазироваться**) кучидан(и), дар мавқеи нав ҷой гирифтан(и); ~ **предприятия** кучондани муассиса; кучонда шудани муассиса

перебазировать *сов. что* кучондан, ба мавқеи нав гузаронидан; ~ **предприятие на восток страны** муассисаро ба маҳалҳои шарқии мамлакат кучондан

перебазироваться *сов.* кучидан, дар мавқеи нав ҷой гирифтан

перебазировка *ж см.* **перебазирование**

перебаллотировать *сов. кого-что* аз нав ба овоз мондан

перебаллотироваться *сов.* аз нав ба овоз монда шудан

перебаллотировка *ж (по знач. гл.* **перебаллотировать**) аз нав ба овоз мондан(и)

перебаллотировывать *несов. см.* **перебаллотировать**

перебаллотировываться *несов.* 1. *см.* **перебаллотироваться**; 2. *страд.* аз нав ба овоз монда шудан

перебалтывать *несов. см.* **переболтать**

перебалтываться *несов.* 1. *см.* **переболтаться**; 2. *страд.* қаллоқ зада омехта шудан

перебарщивать *несов. см.* **переборщить**

перебарывать *несов. см.* **перебороть**

перебег *м разг. см.* **перебегание**

перебегание *с (по знач. гл.* **перебегать**) давидагузарӣ; ~ **с места на место** аз ҷое ба ҷое давидагузарӣ

перебегать *несов.* 1. *см.* **перебежать**; 2. *(быстро перемещаться —о тени, свете и т. п.)* зуд ҷой иваз кардан, зуд аз ҷое ба ҷое гузаштан

перебежать *сов.* 1. *что, через что и без доп.* давида гузаштан; ~ **[через] дорогу** аз роҳ давида гузаштан; **быстро ~ по мосту** аз пул давида гузаштан 2. *(перейти на сторону врага)* ба тарафи душман гузаштан, фирор кардан ◇ ~ **дорогу** *кому аз касе* пешдастӣ кардан

перебежк||а *ж* 1. давидагузарӣ, аз ҷое ба ҷое давида гузаштан(и); **делать ~и** давида аз ҷое ба ҷое гузаштан 2. *(переход на сторону врага)* ба тарафи душман гузаштан(и), фирор кардан(и) 3. *спорт.* қадаммонии ҳангоми яхмолакпарӣ

перебежчик *м* фирорӣ, гуреза // *перен.* муртад, маслакфуруш

перебежчица *женск. к* **перебежчик**

перебеливание *с (по знач. гл.* **перебелить**) аз нав сафедкунӣ; ~ **потолка** аз нав сафедкунии сақфи хона

перебеливать *несов. см.* **перебелить**

перебеливаться *несов. страд.* аз нав сафед карда шудан

перебелить *сов. что* 1. аз нав сафед кардан; ~ **комнату** хонаро аз нав сафед кардан 2. *(всё, многое)* сафед кардан; ~ **все дома** тамоми хонаҳоро сафед кардан 3. *(испортить белением)* аз ҳад зиёд сафед карда бенамуд кардан 4. *(переписать начисто)* покиавис кардан

перебелка *ж (по знач. гл.* **перебелить** 1, 3) аз нав сафед кардан(и); аз ҳад зиёд сафед карда бенамуд кардан(и)

перебеситься *сов.* 1. *(о всех, многих)* девона шудан 2. *разг. (о всех, многих)* дарғазаб шудан 3. *перен. разг. (остепениться)* ба худ (ба ақл) омадан, ба тавфиқ омадан

перебивание *с (по знач. гл.* **перебить** 4—9) сухани касеро буридан(и); ба ҷои дигар куфтан(и); аз нав рӯйкаш кардан(и)

перебивать *несов. см.* **перебить**

перебиваться *несов.* 1. *см.* **перебиться**; 2. *страд.* ба ҷои дигар кӯфта шудан ◇ ~ **с хлеба на квас** *прост.* бо нони қоқу оби хунук рӯз гузарондан

перебивка *ж (по знач. гл.* **перебить** 9) аз нав рӯйкаш кардан(и); ~ **мебели** аз нав рӯйкаш кардани мебель

перебинтовать *сов. кого-что* 1. аз нав бо дока бастан; бандпеч (докапеч) кардан; ~ **ногу** пойро докапеч кардан 2. *(всех, многих)* бандпеч кардан; ~ **всех раненых** ҳамаи маҷруҳонро бандпеч кардан

перебирать *несов.* 1. *см.* **перебрать** 1—6; 2. *что* пай дар ҳам (бо навбат, як-як) даст задан; ~ **струны гитары** ба торҳои гитара як-як даст расонда навохтан // *(теребить)* кашидан, кашола кардан 3. *чем* навбат ба навбат ҷунбондан *(мас. даст, пойро)*

перебираться *несов.* 1. *см.* **перебраться**; 2. *страд.* аз нав чида шудан

перебить *сов.* 1. *кого-что (всех, многих)* куштан, қатли ом кардан 2. *что (всё, многое)* зада шикастан; ~ **всю посуду** тамоми зарфҳоро зада шикастан 3. шикастан; ~ **руку** дастро шикастан 4. *кого-что* сухани касеро буридан (катъ кардан); ~ **собеседника** сухани ҳамсуҳбатро буридан // *что* вайрон кардан; ~ **аппетит** иштиҳоро бастан, иштиҳоро гирондан 5. *что разг. (перехватить покупку)* пешдастӣ карда харидан, савдои касеро вайрон кардан 6. *что* зер (пахш) кардан; **запах рыбы перебил все остальные запахи** буи моҳӣ ҳамаи буйҳои дигарро пахш кард 7. *что* аз ҷои аввала ба ҷои дигар кӯфтан; ~ **вешалку пониже** либосовезакро аз ҷои аввалааш поёнтар мехкӯб кардан 8. *что* аз нав зада дамондан, аз нав зада мулоим кардан; ~ **подушки** болиштҳоро аз нав зада дамондан 9. *что* аз нав рӯйкаш кардан; ~ **кресло плюшем** курсиро аз нав бо махмал руйкаш кардан ◇ ~ **дорогу** *кому аз касе* пешдастӣ кардан; ~ **хлеб у кого-л.** нони касеро нимта кардан; ~ **цену** *уст.* нархро шикастан

переби||ться *сов.* 1. *(о всём, многом)* шикаста нест шудан, якта ҳам намонда шикастан; **все стаканы ~лись** ҳамаи стаканҳо шикаста нест шуданд 2. *разг. (с трудом прожить)* ба зӯр нуг ба нуг расондан, аз муҳтоҷӣ як навъ карда баромадан; қашшоқона зиндагӣ кардан

перебо||й *м* 1. номураттабӣ дар ҳаракат, номунтазамӣ дар коре; ~**и сердца** номураттабии задани дил 2. таваққуф; **работа шла без ~ев** кор бе таваққуф пеш мерафт

перебойный, -ая, -ое *разг.* номунтазам; ботаваққуф

переболе||ть I *сов. чем и без доп.* 1. касал шуда сиҳат шудан; ~**ть гриппом** касалии гриппро аз сар гузарондан // *перен. (испытать)* аз сар гузарондан, дидан, ҳис кардан 2. *(перенести много болезней)* касалиҳои бисьёреро аз сар гузарондан // *(перенести болезнь — о всех, многих)* ягон касалиро аз сар гузарондан; **дети ~ли ветрянкой** кудакон нағзак бароварда буданд ◇ ~**ть душой (сердцем)** хуни дил (ҷигар) шудан

переболе||ть II *сов. (испытать сильную боль)* дарди сахте ҳис кардан

переболтать *сов. что разг.* ҷунбонда омехтан, қаллоқ зада омехтан; ~ **раствор** маҳлулро ҷунбонда (қаллоқ зада) омехтан

переболтаться *сов. разг.* ҷунбонда (таконда, қаллоқ зада) омехта шудан

перебо́р *м разг.* 1. (*по знач. гл.* **перебирать** 2) паи ҳам даст задан(и); **играть на гармошке с ~ами** тугмаҳои гармошкаро паи ҳам зер карда навохтан 2. (*излишек*) зиёдатӣ // *карт.* холи барзиёд (*дар картабозӣ*)

перебора́нивать *несов. см.* **переборонить**

перебо́рка *ж* 1. (*по знач. гл.* **перебра́ть** 1, 3, 4) паи ҳам (аз як сар) дида баромадан(и); хел-хелкунӣ, саракунӣ; аз нав ҳарфчинӣ кардан(и); **~ карто́феля** хел-хелкунии картошка, саракунии картошка 2. (*перегородка*) тавора, девори тунуки мобайни ду хона; **доща́тая ~** тавораи тахтагӣ; **водонепроница́емая ~** тавораи обногузар

переборони́ть *сов. что* аз сари нав сихмола кардан; **~ по́ле** заминро аз сари нав сихмола кардан

переборонова́ть *см.* **переборони́ть**

переборо́ть *сов.* 1. *кого разг.* гушти гирифта мағлуб кардан, дар гуштигирӣ ғолиб баромадан; **~ проти́вника** ҳарифро мағлуб кардан 2. *кого разг.* (*всех, многих*) мағлуб кардан 3. *что* бартараф (дур) кардан; **~ свой страх** тарси худро бартараф кардан

перебо́рочн||ый, -ая, -ое ...и хел-хелкунӣ, ...и саракунӣ, ...и ба навъҳо ҷудокунӣ; **~ые маши́ны** мошинҳои ба навъҳо ҷудокунӣ

перебо́рщик *м* хел-хелкунанда, саракунанда, ба навъҳо ҷудокунанда; **~ овоще́й** хел-хелкунандаи сабзавот

переборщить *сов. разг.* аз ҳад (аз андоза) гузаштан, аз доира баромадан (*дар кирдору рафтор*)

перебо́рщица *женск. к* **перебо́рщик**

перебраковать *сов. что* 1. (*забраковать всё, многое*) брак кардан, ба сақат баровардан; **~ все изде́лия** тамоми маснуотро ба сақат баровардан 2. (*заново определить сорт*) сифати маснуотро аз нав муайян кардан

перебраковывать *несов. см.* **перебраковать**

перебраковываться *несов. страд.* аз нав муайян карда шудан (*оид ба сифати маҳсулот*)

перебра́ниваться *несов. с кем и без доп. разг.* ҳамдигарро дашном додан, якдигарро ҳақорат кардан, ба ҳамдигар носазо гуфтан

перебраниться *сов. с кем и без доп. разг.* бо ҳамдигар ҷанг (ҷанҷол) кардан, якдигарро ҳақорат кардан; **~ с сосе́дями** бо ҳамсояҳо ҷанҷол кардан

перебранка *ж* (*по знач. гл.* **перебраниваться**) ҷанг, ҷанҷол, ҳамдигарро дашномдиҳӣ, ба ҳамдигар носазогуӣ

перебра́сывание *с* (*по знач. гл.* **перебро́сить** 1, 4) ҳаво додан(и); аз ҷое ба ҷое гузарондан(и); (*по знач. гл.* **перебро́ситься** 2, 3) ба якдигар ҳаводиҳӣ; **~ мячо́м** ба якдигар ҳаводиҳии туб

перебра́сывать *несов. см.* **переброса́ть** *и* **перебро́сить**

перебра́сываться *несов.* 1. *см.* **переброситься**; 2. *страд.* ҳаво дода шудан, партофта шудан

перебрать *сов.* 1. *что* як-як аз назар гузарондан, паи ҳам (аз як сар) дида баромадан, хел-хел кардан, сара кардан, ба навъҳо ҷудо кардан; **~ о́вощи** сабзавотро сара кардан; **~ ве́щи** чизҳоро аз як сар дида баромадан 2. *кого-что перен.* аз як сар (як-як) ба хотир овардан, як-як аз дили худ гузарондан; **~ в уме́ (в памяти, в мыслях, в голове́)** як-як ба хотир овардан 3. *что разг.* ҷудо-ҷудо карда аз нав пайвастан, канда аз нав чидан; **~ пе́чку** хиштҳои печкаро канда аз нав чидан 4. *что полигр.* аз нав ҳарфчинӣ кардан, аз нав чидан; **~ строку́** сатрро аз нав чидан 5. *что, чего* (*взять по частям*) қисм-қисм ниҳоят бисьёр гирифтан (*чизеро*) 6. *что, чего* (*взять лишнее*) барзиёд гирифтан, аз андоза зиёд гирифтан // *карт.* аз миқдори даркорӣ зиёд хол гирифтан 7. *см.* **перебирать** 2 ◇ **~ по ко́сточкам** муфассал (бо тамоми ҷузъиёташ) дида баромадан

перебра́ться *сов. разг.* 1. аз ҷое гузаштан; **~ через руче́й** аз ҷуй гузаштан 2. аз ҷое ба ҷое гузаштан (омадан); **~ на ве́рхнюю па́лубу** ба саҳни болоии киштӣ баромадан // (*переселиться*) ба ҷои дигар кӯчидан, тағьири манзил кардан

перебрести́ *сов. что, через что разг.* ба зӯр (оҳиста-оҳиста) роҳ рафта *аз ҷое* гузаштан; **~ че́рез ре́чку** ба зӯр роҳ рафта аз дарьёча гузаштан

перебродӣ||ть *сов.* 1. ҷушида расидан; **вино́ ~ло** май ҷушида расид // *перен. разг.* баъд аз зиндагии пурташвиш осудахотир шудан (ба эътидол омадан) 2. турш шуда гузаштан, турш шуда вайрон шудан; **те́сто ~ло** хамир турш шуда гузашт

перебросать *сов. что* (*всё, многое*) ҳаво додан, партофтан; **~ все дрова в сара́й** ҳамаи ҳезумро ба ҳезумхона партофтан

перебро́сить *сов.* 1. *кого-что* ҳаво додан; **~ мяч че́рез забо́р** тубро аз болои девор ҳаво додан 2. *что* (*бросить дальше, чем следует*) аз ҷое дуртар партофтан 3. *что* сохтан; **~ мост че́рез ре́ку** аз болои дарьё пул сохтан 4. *кого-что* аз ҷое ба ҷое гузарондан, фиристодан, роҳӣ кардан; **~ во́йска** қӯшунро аз ҷое ба ҷое гузарондан

перебро́си||ться *сов.* 1. гузаштан, паҳн шудан, фаро гирифтан; **ого́нь ~лся на сосе́дний дом** оташ хонаи ҳамшафатро фаро гирифт 2. *чем разг.* ба якдигар ҳаво додан (партофтан); **~ться мячо́м** тубро ба якдигар ҳаво додан 3. *перен.* ба якдигар зуд *чизе* гуфтан; **~ться не́сколькими слова́ми** ба ҳамдигар зуд чанд сухан гуфтан 4. *уст.* (*перейти на сторону врага*) ба тарафи душман гузаштан, фирор кардан

перебро́ска *ж* (*по знач. гл.* **перебро́сить** 4) аз ҷое ба ҷое гузарондан(и), фиристодан(и), роҳӣ кардан(и); **~ во́йск** аз ҷое ба ҷое гузароидани қӯшун

перебуди́ть *сов. кого-что* (*всех, многих*) бедор кардан; **~ всех в до́ме** тамоми аҳли хонаводаро бедор кардан

перебыва́||ть *сов.* 1. (*побывать всюду*) дар ҳама ҷо будан 2. (*побывать в разное время — о всех, многих*) омада рафтан; **у него́ ~ли все друзья́** ҳамаи дӯстон ба назди вай омада рафтанд

перебыть *сов. прост.* будан, истодан, мондан, зиндагонӣ кардан; **~ на вокза́ле до прихо́да по́езда** то омадани поезд дар вокзал мондан

перева́л *м* 1. (*по знач. гл.* **перевали́ть** 2) гузаштан(и), гузар; **~ че́рез го́ры был тру́дным** аз кӯҳ гузаштан душвор буд 2. ағба, кутал

перева́л||ец *м*: **с ~ьцем (идти́, ходить** *и т. п.*) *разг.* калавида-калавида, мурғобивор (роҳ рафтан, гаштан *ва ғ.*)

переваливать *несов. см.* **перевали́ть**

переваливаться *несов.* 1. *см.* **перевали́ться**; 2. калавида-калавида (мурғобивор) роҳ рафтан; **~ с ноги́ на́ ногу** калавида-калавида роҳ рафтан 3. *страд.* аз ҷое ба ҷое кашонда шудан

перевали́||ть *сов.* 1. *что* (*при перегрузке*) аз ҷое ба ҷое кашондан, аз ҷое ба ҷое ғелонда бурдан 2. *что, через что* гузаштан; **танки ~ли че́рез овраг** танкҳо аз ҷарӣ гузаштанд 3. *разг.* аз ҳадде гузаштан; **~ло за по́лночь** *безл.* вақт аз ними шаб гузашт; **ему́ ~ло за пятьдесят** *безл.* синнаш аз панҷоҳ гузаштааст

перевали́ться *сов.* бо азобе гузаштан; **~ че́рез забо́р** аз болои девор бо азобе гузаштан // *разг.* (*повернуться*) гаштан, тоб хурдан, ба дигар тараф гаштан; **~ на друго́й бок** паҳлу гаштан

перевалка *ж* 1. (*по знач. гл.* **перевали́ть** 1) аз ҷое ба ҷое кашондан(и), аз ҷое ба ҷое ғелонда бурдан(и) 2. *разг.* (*походка*) гашти мурғобивор

перевалочн||ый, -ая, -ое ...и аз ҷое ба ҷое кашондани чизе (боре); **~ые рабо́ты** корҳои вобаста ба кашондани бор // барои борфурорӣ ва бор боркунӣ таъиншуда; **~ый пункт** ҷои борфурорӣ ва бор боркунӣ

перева́льн||ый, -ая, -ое 1. *см.* **перевалочный** 2. ...и ағба, ...и кутал; **~ая шоссе́йная доро́га** роҳи асфальтпуши кутал

перева́ривание *с* (*по знач. гл.* **перевари́ть**) аз сари нав (дубора) пухтан(и); ҳазмкунӣ; (*по знач. гл.* **перевари́ться**) ҳазмшавӣ

переваривать *несов. см.* **переварить** ◇ **не ~** *кого-что* тоб оварда натавонистан, тоқат карда натавонистан, маъқул накардан; **не ~ лжи** ба дуруғгӯй тобу тоқат надоштан

перевариваться *несов.* 1. *см.* **перевари́ться**; 2. *страд.* аз сари нав (дубора) пухта шудан

перевари́мость *ж* қобили ҳазмшавӣ

перевари́м||ый, -ая, -ое ҳазмшаванда, хушҳазм; **легко́ ~ая пи́ща** хӯроки хушҳазм, (зуд ҳазмшаванда)

переварить сов. 1. *что* аз сари

нав пухтан, дубора ҷӯшондан, аз нав тафсондан 2. *что* аз ҳад зиёд пухта доғҷӯш кардан; ~ **мясо** гӯштро аз андоза зиёд пухтан 3. *что* ҳазм (ҳал) кардан; ~ **пищу** хурокро ҳазм кардан// *перен. разг.* ҳазм кардан, аз худ (аз бар) кардан; ~ **прочитанное** чизи хондашударо нағз аз худ кардан

перевари||ться *сов.* 1. пухта аз ҳад гузаштан, доғҷуш шудан; **мясо** ~**лось** гӯшт пухта аз ҳад гузашт, гушт ҳил-ҳил пухт 2. ҳазм (ҳал) шудан

перевевать *несов. разг. см.* **перевеять**

перевезти *сов. кого-что* аз ҷое ба ҷое бурдан, овардан, кучондан, кашондан; савора гузарондан; ~ **путников на лодке через реку** сайёҳонро аз дарьё бо қаиқ гузарондан

перевеивать *несов. см.* **перевеять**

перевенчать *сов. кого с кем прост.* никоҳ (иқоб) кардан

перевенчаться *сов. прост.* никоҳ шудан, зану шавҳар шудан

перевернуть *сов.* 1. *кого-что* чаппа кардан, ба тарафи дигар гардондан; ~ **больного на правый бок** касалро ба паҳлуи рост гардондан; ~ **бочку вверх дном** бочкаро чаппа кардан // *что* варақ гардондан (задан); ~ **страницу** саҳифаро гардондан // *что прост.* ругардон кардан; ~ **пальто** пальтоаро ругардон кардан 2. *что разг.* (*переворошить*) тагу ру (тит, чаппагардон) кардан 3. *что перен. разг.* (*изменить*) тамоман дигар кардан (тағьир додан) // *кого-что* (*потрясти*) сахт мутаассир кардан, ба хаяҷон овардан ◇ ~ **вверх** (**кверху**) **дном** алғав-далғав кардан, поскуно кардан; ~ **вверх ногами** (**тормашками**) чаппа кардан, чаппагардон (сарнагун) кардан; ~ **весь мир** (**свет**) оламро чаппагардон кардан; ~ [**всю**] **душу** *кого, чью, кому* сахт ба ҳаяҷон овардан, хуни ҷигар кардан

переверну||ться *сов.* 1. чаппа шудан, чаппагардон шудан, ба тарафи дигар гаштан; ~**ться на правый бок** ба паҳлуи рост гаштан // (*вокруг своей оси*) гирд гаштан, гирд гардидан, чарх задан; ~**ться на одной ножке** бо як пой гирд гаштан 2. *перен. разг.* (*измениться*) тамоман тағьир ёфтан ◇ **перевернётся** (~**лся бы**) **в гробу** дар гураш рост меистод; ~**ться вверх** (**кверху**) **дном** тамоман дигар шудан, ба куллӣ тағьир ёфтан; **душа** ~**лась, сердце** ~**лось** *у кого, в ком* ҷигар рехт, ҷигар об шуд, дил реш-реш шуд

переверстать *сов. что полигр.* аз нав (дубора) саҳифабандӣ кардан; ~ **статью** мақоларо дубора саҳифабандӣ кардан

перевёрстка *ж* (*по знач. гл.* **переверстать**) аз нав саҳифабандӣ кардан(и), саҳифабандии дубора; ~ **брошюры** саҳифабандии дубораи китобча

перевёрстывание *с см.* **перевёрстка**

перевёрстывать *несов. см.* **переверстать**

перевёрстываться *несов. страд.* аз нав саҳифабандӣ карда шудан

перевертеть *сов. что разг.* 1. аз нав тофта даровардан 2. (*испортить*) тоб дода вайрон кардан, тофта-тофта шикастан

перевёртывание *с* (*по знач. гл.* **перевернуть**) чаппа кардан(и), чаппагардон кардан(и); (*по знач. гл.* **перевернуться**) чаппашавӣ, чаппагардоншавӣ

перевёртывать I *несов. см.* **перевернуть**

перевёртывать II *несов. см.* **перевертеть**

перевёртываться I *несов.* 1. *см.* **перевернуться**; 2. *страд.* чаппа карда шудан

перевёртываться II *несов. страд.* тоб дода вайрон карда шудан

перевес *м* 1. (*по знач. гл.* **перевесить** 1, 3) аз нав баркашидан(и); вазнин баромадан(и), вазнинтар омадан(и) 2. *разг.* (*излишек в весе*) зиёдатии вазн 3. *перен.* бартарӣ, афзалият; **численный** ~ афзалияти ададӣ; ~ **на нашей стороне** афзалият ба ҷониби мост; **взять** ~ *в чём* бартарӣ доштан

перевесить *сов.* 1. *кого-что* (*заново*) аз нав баркашидан, вазни ягон чизро аз нав санҷидан (муайян кардан) 2. *что* (*на другое место*) ба ҷои дигар овехтан (овезон кардан) 3. *кого-что* (*превзойти в весе*) вазнин баромадан// *что и без доп. перен.* (*получить перевес*) ғолиб омадан, афзалият (бартарӣ) доштан

перевеситься *сов.* аз болои *чизе* хам шудан, аз болои *чизе* овезон шудан; ~ **через борт лодки** аз болои девораи қаиқ хам шудан

перевеска *ж прост. см.* **перевес** 1

перевести *сов.* 1. *кого-что* гузарондан; ~ **детей через улицу** кудаконро аз куча гузарондан 2. *кого-что* гузарондан, кучондан; ~ **учреждение в другое здание** муассисаро ба бинои дигар кучондан; ~ **поезд на запасной путь** поездро ба роҳи эҳтиётӣ гузарондан // *что* (*передвинуть*) овардан; ~ **стрелку часов вперёд** акрабаки соатро пеш овардан 3. *кого-что* гузарондан, таъин кардан; ~ **на новую должность** ба вазифаи нав таъин кардан; ~ **ученика в седьмой класс** талабаро ба синфи ҳафтум гузарондан; ~ **предприятие на хозрасчёт** корхонаро ба ҳисоби хоҷагӣ гузарондан; ~ **завод на семичасовой рабочий день** заводро ба рузи кори ҳафтсоата гузарондан 4. *что* равона кардан, нигарондан, дӯхтан; ~ **взгляд с одной картины на другую** аз як сурат чашм канда ба дигаре дӯхтан // *что перен.* гардондан, равона кардан; ~ **разговор на другую тему** суҳбатро ба мавзуи дигар гардондан 5. *что* гузарондан, додан, супурдан; ~ **сбережения на сына** пули пасандозро ба номи писар гузарондан 6. *что* фиристодан, равона кардан; ~ **деньги по телеграфу** пулро ба воситаи телеграф фиристодан 7. *что* тарҷума кардан; ~ **книгу с таджикского языка на русский** китобро аз тоҷикӣ ба русӣ тарҷума кардан 8. *что* гардондан; ~ **в метрические меры** ба андозаҳои метри гардондан 9. *что* нусха бардоштан, кучондан; ~ **рисунок** нусхаи расмро бардоштан 10. *кого-что* *разг.* нест кардан, барҳам задан, куштан; ~ **мышей** мушхоро нест кардан 11. *что разг.* (*попусту истратить*) бекора сарф кардан, беҳуда харҷ (исроф) кардан ◇ ~ **дух** (**дыхание**) 1) нафас рост кардан 2) дам гирифтан

перевестись *сов.* 1. гузаштан; ~ **в другой отдел** ба шуъбаи дигар гузаштан 2. *разг.* (*исчезнуть*) нест шудан, барҳам хурдан

перевешать *сов.* 1. *что* (*всё, многое*) овехтан, овезон кардан; ~ **всё бельё** ҳамаи ҷомашӯиҳоро ба тор овехтан 2. *кого* (*казнить всех, многих*) ба дор кашидан

перевешивать *несов. см.* **перевесить** *и* **перевешать**

перевешиваться *несов.* 1. *см.* **перевеситься**; 2. *страд.* аз нав баркашида шудан

перевеять *сов. что* 1. тамоман бод кардан (додан); ~ **всё зерно** тамоми ғалларо бод додан 2. (*заново*) аз нав бод кардан

перевивание *с* (*по знач. гл.* **перевить**) аз сари нав тофтан(и), ба тарзи дигар тофтан(и)

перевивать *несов. см.* **перевить**

перевиваться *несов.* 1. *см.* **перевиться**; 2. *страд.* аз сари нав тофта шудан

перевида||ть *сов. кого-что разг.* (*много раз, многое, многих*) дидан, аз сар гузарондан; чашидан; **он много** ~**л на своём веку** ӯ дар умри худ бисьёр воқеаҳоро дидааст (аз сар гузарондааст)

перевидеть *сов. разг.* (*многое, многих*) дидан

перевинтить *сов. что* 1. (*заново*) аз сари нав тофта даровардан 2. *разг.* (*испортить*) нодуруст тоб дода вайрон кардан (шикастан), тофта-тофта вайрон кардан

перевинтиться *сов. разг.* аз тобдиҳии нодуруст вайрон шудан

перевинчивать *несов. см.* **перевинтить**

перевинчиваться *несов. страд.* аз сари нав тофта шудан

перевирать *несов. см.* **переврать**

перевисать *несов. см.* **перевиснуть**

перевиснуть *сов. прост.* аз болои *чизе* хам (овезон) шудан; ~ **через перила** аз болои панҷараи зина хам шудан

перевить *сов. что* 1. (*переплести*) бофтан, бастан, печондан 2. (*заново*) аз сари нав тофтан (бофтан, печондан), ба тарзи дигар бофтан (тофтан) 3. (*всё, многое*) тофтан, печондан, бофтан

перевиться *сов.* ба ҳамдигар печидан, печ дар печ шудан, печидан

перевод *м* 1. (*по знач. гл.* **перевести**) гузарондан(и), кучондан(и); фиристодан(и); тарҷума кардан(и); беҳуда харҷ кардан(и); ~ **учащихся во второй класс** ба синфи дуюм гузарондани талабагон; ~ **отар с зимних пастбищ на летние** аз чарогоҳи зимистонӣ ба чарогоҳи тобистонӣ ҳай карда гузарондани рамаҳо 2. тарҷума; **вольный** ~ тарҷу

маи озод; **дослóвный** ~ тарҷумаи тахтуллафз (ҳарф ба ҳарф) 3. пулфиристонӣ; пули фиристодашуда; **получи́ть дéнежный** ~ пули фиристодашударо гирифтан // *(бланк)* варақаи пулфиристонӣ 4. *разг. (бесполезная трата)* исроф, сарфи бекора (беҳуда) 5. *ж.-д.* механизми гузаронанда *(барои аз як роҳ ба роҳи дигар гузарондани поезд)* ◇ **нет ~а** *кому-чему* хамеша ҳаст, нест намешавад, аз байн намеравад

перевод||и́ть I *несов. см.* **перевести́** ◇ **не ~я́ дыха́ния** дам нагирифта, бо як нафас

переводи́ть II *сов. кого разг. (в разное время — всех, многих)* оварондан (бурдан); ~ **к себе́ всех друзе́й** ҳамаи дӯстонро ба хонаи худ паи ҳам оварондан

переводи́ться *несов.* 1. *см.* **перевести́сь**; 2. *страд.* гузаронда шудан

переводи||óй, -áя, -óе: **~áя бумáга** коғази нусхагирӣ (нусхабардорӣ)

перевóдный, -ая, -ое, **переводнóй**, -ая, -óе 1. ...и пулфиристонӣ; ~ **бланк** варақаи пулфиристонӣ 2. тарҷумавӣ, тарҷумашуда; **переводнáя литератýра** адабиёти тарҷумашуда 3. *тех.* гузаронанда; ~ **механи́зм** механизми гузаронанда *(барои ба роҳи дигар, ба суръати дигар гузарондани мошин ё поезд)*

перевóдческ||ий, -ая, -ое ...и тарҷумон, ...и тарҷумонӣ; **~ая дéятельность** тарҷумонӣ, фаъолияти мутарҷимӣ

перевóдчик *м* тарҷумон, мутарҷим; **объясни́ться чéрез ~а** ба воситаи тарҷумон гуфтугу кардан

перевóдчица *женск. к* **перевóдчик**

перевóз *м* 1. *(по знач. гл.* **перевезти́**) бурдан(и), овардан(и), кашондаи(и); гузарондан(и), ҳамлу нақл; ~ **овощéй** сабзавоткашонӣ; ~ **хлóпка** пахтакашонӣ 2. гузаргоҳ

перевози́ть I *несов. см.* **перевезти́**

перевози́ть II *сов. кого-что разг. (постепенно — всех, многих)* кашондан, бурдан, овардан, нақл кардан

перевози́ться I *несов.* 1. *разг.* кучидан 2. *страд.* кашонда шудан

перевози́ться II *сов. прост.* худро тамоман олондан, чиркин шудан; ~ **в грязи́** сар то по ба лой олудан

перевóзк||а *ж см.* **перевóз** I; **~а грýзов** кашондани бор; **~а пассажи́ров** кашондани мусофирон; **междунарóдные ~и** ҳамлу нақли байналхалқӣ

перевóзный, -ая, -ое ...и кашондан(и), ...и ҳамлу нақл; ~ **прóмысел** касби боркашонӣ *(бо ароба, қаиқ ва ғ.)*; ~ **пункт** мавзеи боркашонӣ (ҳамлу нақл)

перевóзочн||ый, -ая, -ое ...и кашондан(и), ...и ҳамлу нақл; **~ые срéдства** воситаҳои боркашонӣ (ҳамлу нақл)

перевóзчик *м* нақлкунанда, кемачӣ, қаиқчӣ; амадрон

перевóзчица *женск. к* **перевóзчик**

перевóзчицкий, -ая, -ое ...и нақлкунанда, ...и кемачӣ, ...и қаиқчӣ; ...и амадрон

перевола́кивать *несов. см.* **переволóчь**

перевола́киваться *несов. страд.* кашолакунон гузаронда шудан

переволнова́ть *сов. кого-что разг.* ба ҳаяҷон овардан, сахт хавотир кардан, ба изтироб (ба ташвиш) андохтан

переволнова́ться *сов. разг.* сахт ба ҳаяҷон омадан, ошуфта (мушавваш) шудан

переволочи́ть *сов. см.* **переволóчь**

переволóчь *сов. кого-что прост.* кашолакунон гузарондан, кашола карда бурдан (овардан)

перевооружа́ть *несов. см.* **перевооружи́ть**

перевооружа́ться *несов.* 1. *см.* **перевооружи́ться**; 2. *страд.* аз нав таҷҳизонида шудан

перевооружéние *с (по знач. гл.* **перевооружи́ть**) аз нав мусаллаҳкунӣ, таҷдиди аслиҳа; бо таҷҳизоти нав таъмин кардан(и), таҷдиди таҷҳизот; *(по знач. гл.* **перевооружи́ться**) аз нав мусаллаҳшавӣ; бо таҷҳизоти нав таъмин шудан(и); **техни́ческое ~ нарóдного хозя́йства** бо таҷҳизоти нав таъмин кардани (таъмин шудани) хоҷагии халқ

перевооружённость *ж* 1. *(избыток вооружения)* барзиёдии яроқ, зиёдатии аслиҳа 2. *(обновление орудий труда и т. п.)* навшавии таҷҳизоту абзорҳо

перевооружи́ть *сов.* 1. *кого-что* аз нав мусаллаҳ кардан, бо яроқи нав таъмин кардан; ~ **áрмию** қушунро аз нав мусаллаҳ кардан 2. *что* бо таҷҳизоти нав таъмин кардан, аз нав таҷҳизонидан; ~ **промы́шленность** саноатро бо таҷҳизоти нав таъмин кардан

перевооруж||и́ться *сов.* 1. аз нав мусаллаҳ шудан, яроқро (силоҳро) нав кардан; **áрмия ~и́лась** қушун бо яроқи нав мусаллаҳ шуд 2. *чем (оснаститься)* бо таҷҳизоти нав таъмин шудан

перевоплоти́ть *сов. кого-что* ба шакли нав таҷассум кунондан, [ба *чизе*] мубаддал кардан, ба сурати дигар даровардан; ~ **действи́тельность в худóжественные óбразы** воқеиятро дар образҳои бадеӣ таҷассум кунондан

перевоплоти́ться *сов.* ба шакли нав таҷассум кардан, шакли нав гирифтан, [ба *чизе*] мубаддал шудан, ба сурати дигар даромадан

перевоплоща́емость *ж* қобилияти таҷассумшавӣ, қобилияти гирифтани шакли дигар

перевоплоща́ть *несов. см.* **перевоплоти́ть**

перевоплоща́ться *несов.* 1. *см.* **перевоплоти́ться**; 2. *страд.* ба шакли нав таҷассум кунонда шудан

перевоплощéни||е *с (по знач. гл.* **перевоплоти́ть**) ба шакли нав таҷассумкунонӣ; *(по знач. гл.* **перевоплоти́ться**) ба шакли нав таҷассумкунӣ, шакли нав гирифтан(и); **искýсство ~я** ҳунари таҷассумкунонӣ

перевора́чивать *несов. см.* **переверну́ть**

перевора́чиваться *несов.* 1. *см.* **переверну́ться**; 2. *страд.* чаппа карда шудан

переворóт *м* 1. *(по знач. гл.* **переверну́ться** 1) чаппашавӣ, чаппагардоншавӣ 2. таҳаввул, табаддулоти қатъӣ, инқилоб; **произвести́ ~ в наýке** дар илм табаддулоти қатъӣ ба вуҷуд овардан 3. табаддулот; **воéнный ~** табаддулоти ҳарбӣ; **госуда́рственный ~** табаддулоти давлатӣ; **дворцóвый ~** табаддулоти дарборӣ

переворoти́ть *сов. прост. см.* **переверну́ть** 1, 2

переворoти́ться *сов. прост. см.* **переверну́ться**

переворóчать *сов. что прост.* тагу ру кардан, кофта бетартиб кардан, бесару сомон кардан; ~ **все вéщи** ҳама чизҳоро тагу ру кардан

перевороши́ть *сов. что разг.* 1. *(всё, многое)* тагу ру кардан, гардонда мондан; тит кардан; ~ **сéно** хасбедаро тагу ру кардан; ~ **все кни́ги** ҳамаи китобҳоро тагу ру кардан 2. *перен.* ба хотир овардан, як-як ба хотир овардан; ~ **в пáмяти собы́тия послéдних лет** воқеаҳои солҳои охирро як-як ба хотир овардан 3. *перен. (резко изменить)* дигар кардан, тағйир додан

перевоспитáние *с (по знач. гл.* **перевоспитáть**) аз нав тарбиядиҳӣ; ~ **ребёнка** аз нав тарбия додани кудак

перевоспитáть *сов. кого-что* аз нав тарбия додан, ба тарзи дигар тарбия додан (кардан)

перевоспитáться *сов.* аз нав тарбия ёфтан, тарбияи дигар гирифтан

перевоспи́тывать *несов. см.* **перевоспитáть**

перевоспи́тываться *несов.* 1. *см.* **перевоспитáться**; 2. *страд.* аз нав тарбия карда шудан

перевр||áть *сов.* 1. *что разг.* тамоман нодуруст (вайрон) нақл кардан, ғалат таъбир кардан; **~áть все собы́тия** ҳамаи воқеаҳоро нодуруст нақл кардан 2. *кого прост.* дар дурӯғгӯӣ мисл (ҳамто) надоштан; **его́ не ~ёшь** дар дурӯғгӯӣ ба вай баробар шудан мумкин не, у дар дурӯғгӯӣ устухон надорад

перевыбирáть *несов. см.* **перевы́брать**

перевыбирáться *несов. страд.* аз нав интихоб карда шудан

перевыбóрн||ый, -ая, -ое интихоботӣ, ...и интихобот; ...и азнавинтихобкунӣ; **~ое собрáние** маҷлиси интихоботӣ

перевы́боры *тк. мн.* интихобот; интихоботи такрорӣ, азнавинтихобкунӣ; ~ **профкóма** азнавинтихобкунии комитети иттифоқи касаба

перевы́брать *сов. кого-что разг.* аз нав интихоб кардан

перевыполнéние *с (по знач. гл.* **перевы́полнить**) барзиёд иҷро кардан(и); ~ **годовóго плáна** барзиёд иҷро кардани плани солона

перевы́полнить *сов. что* барзиёд иҷро кардан; ~ **произвóдственный план** плани истеҳсолиро барзиёд иҷро кардан

перевыполня́ть *несов. см.* **перевы́полнить**

перевыполня́ться *несов. страд.* барзиёд иҷро карда шудан

перевью́чивать *несов. см.* **перевью́чить**

перевьючиваться *несов. страд.* аз нав бор карда шудан

перевьючить *сов. кого-что* 1. аз нав бор кардан (бастан); ~ **верблюдов** бори шутурҳоро фуроварда аз нав бастан 2. *(всё, многое, всех, многих)* бор кардан (бастан)

перевязать *сов.* 1. *кого-что* бо бандина бастан, ҷароҳатбандӣ (захмбандӣ) кардан; ~ **ногу** пойро бо бандина бастан; ~ **раненого** ярадорро захмбандӣ кардан 2. *что* печонда бастан, сар то по бастан; ~ **пакет шпагатом** пакетро бо канаб печонда бастан 3. *кого-что (всё, многое, всех, многих)* бастан, печонда бастан; ~ **все книги в пачки** ҳамаи китобҳоро даста-даста [карда] бастан 4. *что* аз нав (ба таври дигар) бастан; ~ **галстук** галстукро аз нав бастан 5. *что* аз нав бофтан; ~ **варежки** дастпушакро аз нав бофтан

перевязаться *сов.* 1. худро ҷароҳатбандӣ кардан, ҷароҳати худро бастан 2. *разг.* камари худро бастан

перевязк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **перевязать)** ҷароҳатбандӣ, захмбандӣ; печонда бастан(и); аз нав бофтан(и); ~**а тюков** аз нав бастани тойхо; ~**а варежек** аз нав бофтани дастпушак; **делать** ~**у** ҷароҳатбандӣ кардан 2. *разг.* бандина, латтаҳои (докаҳои) ҷароҳатбандӣ

перевязочн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҷароҳатбандӣ, ...и захмбандӣ; ~**ые материалы** лавозимоти ҷароҳатбандӣ; ~**ый пункт** пункти (мавзеи) ҷароҳатбандӣ 2. *в знач. сущ.* **перевязочная** *ж* хонаи ҷароҳатбандӣ

перевязывание *с см.* **перевязка** 1

перевязывать *несов. см.* **перевязать**

перевязываться *несов.* 1. *см.* **перевязаться**; 2. *страд.* печонда баста шудан

перевяз||ь *ж* 1. ҳамоил 2. бандина, банд, тасма; **рука у него была на** ~**и** дасти ӯ баста ба гарданаш ҳамоил карда шуда буд

перевясло *с с.-х.* бандинаи беда

перегар *м разг.* 1. чизи сухта (тахсухта) 2. буи чизи сухта; буи бади шароб; **от него несло** ~**ом** аз даҳонаш буи бади шароб меомад

перегарный, -ая, -ое ...и бӯи чизи сухта; ...и буи бади шароб

перегасить *сов. что разг. (одно за другим — всё, многое)* паи ҳам хомуш кардан (куштан); ~ **все лампы** тамоми чароғҳоро паи ҳам куштан

перегас||нуть *сов. разг. (один за другим — о всём, многом)* паи ҳам хомуш шудан; **все свечи** ~**ли** ҳамаи шамъҳо паи ҳам хомуш шуданд

перегиб *м* 1. *(по знач. гл.* **перегнуть)** қаткунӣ, хамкунӣ, аз ҳад гузаштан(и) 2. ҷои қаткунӣ (қатшавӣ), раҳи қаткунӣ (қатшавӣ), ҷои қатшуда 3. *перен.* ифрот, каҷравӣ

перегибать *несов. см.* **перегнуть**

перегибаться *несов.* 1. *см.* **перегнуться**; 2. *страд.* қат карда шудан

перегибщик *м разг.* каҷрав, ифроткор

перегладить *сов. что* 1. аз нав уттӣ (дарзмол) кардан; ~ **платье** куртаро аз нав уттӣ кардан 2. *(всё, многое)* дарзмол (уттӣ) кардан; ~ **всё бельё** ҳамаи либосҳои тагро дарзмол кардан

переглаживать *несов. см.* **перегладить**

переглаживаться *несов. страд.* аз нав уттӣ (дарзмол) карда шудан

переглотать *сов. что разг. (в несколько приёмов — всё, многое)* фуру бурдан

переглушить *сов. кого разг.* 1. *(всех, многих)* гуши ҳамаро кар кардан, гаранг кардан 2. *(всё, многое)* зада куштан, қир кардан, дору таркоида куштан; ~ **всю рыбу в пруду** ҳамаи моҳиҳои ҳавзро дору тарконда куштан

перегляде||ть *сов. что разг.* 1. *(заново)* аз сари нав дида баромадан, бори дигар (такроран) дида баромадан, дубора аз назар гузарондан 2. *(всё, многое)* дида баромадан, аз назар гузарондан; **он** ~**л все книги** у ҳамаи китобҳоро аз назар гузаронд

переглядывание *с (по знач. гл.* **переглянуться)** ба ҳамдигар нигоҳкунӣ

переглядывать *несов. см.* **переглядеть**

переглядываться *несов. см.* **переглянуться**

переглянуться *сов.* ба ҳамдигар нигоҳ кардан

перегнаивать *несов. см.* **перегноить**

перегнать *сов.* 1. *кого-что* хай карда гузарондан (бурдан); ~ **стада на летние пастбища** рамаҳоро ба чарогоҳҳои тобистонӣ ҳай карда бурдан 2. *кого-что (опередить)* расида гузаштан, пеш гузаштан // *перен.* пеш гузаштан, ақиб монондан 3. *что* тақтир кардан, соф кардан; ~ **нефть** нафтро тақтир кардан

перегнивать *несов. см.* **перегнить**

перегни||ть *сов.* 1. пусидан, тамоман пусидан, тосидан, пусида сухтан; **навоз** ~**л** пору пусида сухт 2. *разг.* пусидан, пусида вайрон шудан; **верёвка** ~**ла** арғамчин пусид

перегноить *сов. кого-что (всё, многое)* пусондан

перегно||й *м* хоки пусида; **почва богатая** ~**ем** замине, ки дар таркибаш хоки пӯсида зиёд аст // *(навоз)* поруи пусида

перегнуть *сов.* 1. *что* қат (хам) кардан, дукат кардан; ~ **лист бумаги пополам** вараҚи коғазро дукат кардан 2. *что разг. (согнуть чрезмерно)* аз ҳад зиёд қат (хам) кардан 3. *перен. разг.* аз ҳад гузаштан, ба каҷравӣ роҳ додан, ифрот кардан; ~ **в своих требованиях** аз андоза зиёд талабхо пеш гузоштан ◇ ~ **палку** аз ҳад гузаштан, ифрот кардан

перегнуться *сов.* қат (хам) шудан

переговаривать *несов. см.* **переговорить**

переговариваться *несов.* гапзанон кардан, гуфтугу кардан; ~ **с соседом** бо хамсоя гуфтугӯ кардан // *разг. (договариваться)* гуфтушунид кардан, гуфтугузор кардан

переговори||ть *сов.* 1. *с кем-чем и без доп.* гуфтугу (суҳбат) кардан, гапзанон кардан; ~**ть по телефону** бо телефон гуфтугу кардан; ~**ть обо всём** аз ҳар хусус суҳбат кардан 2. *кого разг.* маҷоли гап задан надодан; **его не** ~**шь** у дар пургуӣ ҳамто надорад

переговорный, -ая, -ое ...и гуфтугу, ...и гуфтугузор; ~ **пункт** пункти (мавзеи) гуфтугу (муколима)

перегово́р||ы *тк. мн.* 1. гуфтугузор, музокирот, мубодилаи афкор; ~**ы о перемирии** гуфтугузор дар бораи сулҳи муваққатӣ; **сесть за стол** ~**ов** ба сари мизи музокирот нишастан; **участвовать в** ~**ах** дар музокираҳо иштирок кардан 2. гуфтугу, суҳбат; ~**ы по телефону** гуфтугу бо телефон

перегодить *сов. что и без доп. прост.* мунтазир шудан, сабр кардан, [то охири ягон воқеа] бардошт кардан

перегон *м* 1. *(по знач. гл.* **перегнать** 1) ҳай карда гузарондан(и), ҳай карда бурдан(и); ~ **скота** ҳай карда бурдани чорпоён 2. *ж.-д.* масофаи байни ду истгоҳ

перегонка *ж* 1. *см.* **перегон** 1; 2. тақтир, полоиш, тақтир (соф) кардан(и); ~ **нефти** тақтир кардани нафт, полоиши нафт

перегонн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҳай карда гузаронӣ, ...и ҳайкунӣ; ~**ая скорость** суръати ҳайкардабарӣ 2. ...и тақтир, ...и полоиш, ...и тақтиркунӣ; ~**ые заводы** заводхои тақтиркунӣ

перегоночный, -ая, -ое *см.* **перегонный**

перегонщик *м* 1. ҳайкардабаранда 2. тақтиркунанда

перегонять *несов. см.* **перегнать**

перегоняться *несов. страд.* ҳай карда бурда шудан

перегораживание *с (по знач. гл.* **перегородить)** таворакашӣ, деворкашӣ

перегораживать *несов. см.* **перегородить**

перегораживаться *несов.* 1. *см.* **перегородиться**; 2. *страд.* бо девор ҷудо карда шудан

перегорание *с (по знач. гл.* **перегореть)** сухтан(и); хушкшавӣ; пусиш

перегорать *несов. см.* **перегореть**

перегорел||ый, -ая, -ое 1. сӯхта, сухтагӣ, тагсухта; ~**ое масло** равғани сухтагӣ 2. *(прелый)* пусида, тосида

перегоре||ть *сов.* 1. сӯхтан, сӯхта нобуд шудан, бисьёр вақт сӯхта вайрон шудан; **лампочка** ~**ла** лампочка сухт 2. сухта хокистар шудан; **дрова** ~**ли** хезум сухта хокистар шуд // *перен. (о чувствах и т. п.)* гузаштан, паси сар шудан, дигар ҳис карда нашудан 3. *(подгореть)* аз таг сухтан 4. *(о почве)* хушк (қоқ) шудан 5. пусидан, сухтан; **навоз** ~**л** пору сухт

перегородить *сов. что* 1. девор кашида ҷудо кардан, товора кашидан; ~ **комнату пополам** хонаро тавора кашида ду тақсим кардан 2. *разг.* бастан, банд (садбандӣ) кардан; ~ **реку плотиной** ба дарьё оббанд сохтан

перегородиться *сов. разг.* девор (тавора) кашида ҷудо шудан, девор кашида ду қисм шудан

перегородк||а *ж* 1. девора, тавора, қаторак; **комиата разделена ~ой пополам** хона бо тавора ду қисм кардаанд 2. *перен.* монеа, сад(д)

перегородочн||ый, -ая, -ое ...и тавора; **~ые плиты** тахтасангҳои деворасозӣ

перегорчить *сов. что разг.* аз андоза зиёд талх (тунд) кардан

перегра́фить *сов. что* 1. *(заново)* аз нав хат (рах, ҷадвал, мистар) кашидан 2. *(всё, многое)* хат (рах, ҷадвал) кашидан; **~ всю бумагу** ба руи ҳамаи коғазҳо ҷадвал кашидан

перегребать *несов. см.* **перегрести**

перегребаться *несов. страд.* тӯда (туб) карда шудан, бо хаскашак туда карда шудан

перегрев *м* (*по знач. гл.* **перегреть**) аз ҳад зиёд тафсондан(и), аз андоза зиёд гарм кардан(и); (*по знач. гл.* **перегреться**) аз ҳад зиёд тафсидан(и), аз андоза зиёд гармшавӣ; **~ котлов** аз ҳад зиёд тафсидани дегҳо

перегревание *с см.* **перегрев**

перегревать *несов. см.* **перегреть**

перегреваться *несов.* 1. *см.* **перегреться**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд тафсонда шудан

перегрести *сов. что разг.* 1. *(всё, многое)* бо хаскашак (бо панҷшоха) тӯда кардан; **~ всё сено** ҳамаи бедаро бо хаскашак тӯда кардан 2. *(проявить преимущество в гребле)* дар қаикронӣ ғолиб баромадан

перегретый, -ая, -ое 1. *прич.* аз ҳад зиёд тафсондашуда 2. *прил. тех.* тафсида, баландҳарорат

перегреть *сов. что* 1. аз ҳад зиёд тафсондан, ҷӯшондан, аз андоза зиёд гарм кардан; **~ мотор** моторро аз ҳад зиёд гарм кардан 2. *тех.* аз ҳад зиёд тафсондан (гарм кардан)

перегре||ться *сов.* 1. аз ҳад зиёд тафсидан, аз андоза зиёд гарм шудан; **утюг ~лся** уттӣ аз ҳад зиёд тафсид 2. дар офтоб бисьёр истода касал шудан; **ребёнок ~лся** бачаро [гармии] офтоб зад

перегружатель *м* боркунак; **автоматический ~** боркунаки автоматӣ

перегружать *несов. см.* **перегрузить**

перегружаться *несов.* 1. *см.* **перегрузиться**; 2. *страд.* ба нақлиёти дигар бор карда шудан

перегруженность *ж* аз ҳад зиёд пурбор будан(и) // *перен.* серкорӣ

перегружённость *ж см.* **перегруженность**

перегрузить *сов.* 1. *что* аз ҳад зиёд бор кардан, пурбор кардан, барзиёд бор кардан, борро вазнин кардан; **~ судно** бори киштиро аз ҳад зиёд вазнин кардан // *кого-что перен.* беш аз ҳад кор додан, кори барзиёд бор кардан // *что перен.* пур (дохил) кардан, барзиёд даровардан; **~ отчёт излишними подробностями** ҳисоботро бо тафсилоти барзиёд пур кардан, ба ҳисобот тафсилоти барзиёд дохил кардан 2. *что (переложить груз)* борро ба нақлиёти дигар гузоштан

перегрузиться *сов.* 1. аз ҳад зиёд бор гирифтан, бори худро вазнин кардан // *перен.* худро аз ҳад зиёд серкор кардан, аз ҳад зиёд серкор шудан 2. *(переместить свой груз)* бори худро аз як ҷо ба ҷои дигар гузоштан

перегрузк||а *ж* (*по знач. гл.* **перегрузить**) аз ҳад зиёд бор кардан(и), борро аз як ҷо ба ҷои дигар гузоштан(и); (*по знач. гл.* **перегрузиться**) аз ҳад зиёд гирифтани бор, серкор шудан(и); бори худро аз як ҷо ба ҷои дигар гузоштан(и); **чрезмерная ~а машины** аз ҳад зиёд вазнин кардани бори мошин; **устать от постоянной ~и** аз серкории доимӣ монда шудан

перегрузочн||ый, -ая, -ое ...и азнавборкунӣ; ...и ҳамлу нақл; **~ые механизмы** механизмҳои ҳамлу нақл

перегруппировать *сов. кого-что* аз нав гурух-гурӯх кардан, таври дигар ба гурӯҳҳо тақсим (ҷудо) кардан; **~ войска** қӯшунро таври дигар ба гурӯҳҳо тақсим кардан

перегруппироваться *сов.* аз нав гурӯх-гурух шудан, таври дигар ба гурӯҳҳо тақсим (ҷудо) шудан

перегруппировка *ж* (*по знач. гл.* **перегруппировать**) аз нав гурӯх-гурухкунӣ, таври дигар ба гурӯҳҳо тақсимкунӣ; (*по знач. гл.* **перегруппироваться**) аз нав гурӯх-гурӯхшавӣ, таври дигар ба гурӯҳҳо тақсимшавӣ

перегруппировывать *несов. см.* **перегруппировать**

перегруппировываться *несов.* 1. *см.* **перегруппироваться**; 2. *страд.* аз нав гурӯх-гурӯх карда шудан

перегрызать *несов. см.* **перегрызть**

перегрызть *сов.* 1. *что* хоида кандан, хоида шикастан, бо дандон кандан; хоида партофтан; **~ нитку** ресмонро бо дандон кандан 2. *кого-что (всех, многих)* даррондан; **волк перегрыз овец** гург ҳама гӯспандонро дарронд 3. *что (всё, многое)* хоида хӯрдан, бо дандон шикаста хӯрдан; **~ все семечки** донаҳои офтобпарастро хӯрда тамом кардан ◇ **~ горло кому-л.** *прост.* сояи касеро аз девор тарошидан

перегрыз||ться *сов.* 1. *разг.* якдигарро газидан, якдигарро хоидан; **собаки ~лись** сагҳо якдигарро хоиданд 2. *перен. прост.* ҷанг карда якдигарро дашном додан (ҳақорат кардан)

перегрязнить *сов. что разг.* *(всё, многое)* ифлос (чиркин) кардан

перегрязниться *сов. разг.* *(о всём, многом)* ифлос (чиркин) шудан

перегубить *сов. кого-что разг.* аз як сар нобуд (ҳалок, хароб) кардан, ба ҳалокат расондан

перегуд *м разг.* ғуввоси (ғурриши) дуру дароз (дам ба дам)

перегуливать *несов. см.* **перегулять**

перегулять *сов. разг.* аз ҳад зиёд гардиш (сайр) кардан; аз андоза зиёд айшу ишрат кардан

перед (передо) *предлог с тв.* 1. *(напротив кого-чего-л.)* дар пеши..., дар ру ба руи...; **~ домом** дар пеши хона; **перед тобой** дар ру ба руи ту 2. *(за некоторое время до чего-л.)* андаке пеш аз..., пеш аз..., пеш, қабл аз...; **он приехал ~ нами** ӯ аз мо андак пеш омад; **мыть руки ~ едой** дастҳоро пеш аз хурок шустан 3. *(по отношению к кому-чему-л.)* дар пеши..., дар назди..., дар ҳузури..., аз...; **я ~ вами виноват** ман дар пеши шумо гунаҳкорам; **мне неудобио ~ вами** ман аз шумо дар хиҷолатам, ман аз шумо изо мекашам; **извиниться ~ другом** аз дуст узр (маъзарат) хостан 4. *(по сравнению с кем-чем-л.)* дар пеши..., дар назди..., нисбат ба..., назар ба..., аз...; **его игра ~ твоей бледнеет** бозии ӯ дар пеши бозии ту ҳеҷ аст ◇ **~ лицом** 1) **кого-л.** дар пеши (дар ҳузури, дар назди) шахсе 2) **чего-л.** дар сурати мавҷуд будани чизе

перёд *м* 1. пеш, тарафи пеш, тарафи руй; **~ платья** пеши курта 2. *мн.* **переда** *сапожн.* сарӣ; **переда сапог** сарии мӯза

передавать *несов.* 1. *см.* **передать**; 2. *(о механизмах и т. п.)* ба ҳаракат овардан

передаваться *несов.* 1. *см.* **передаться**; 2. *страд.* дода шудан

передавить *сов. кого-что (всё, многое)* пахш (зер) кардан, пачақ кардан, поймол кардан; **~ все яйца** ҳама тухмҳоро пахш кардан

передаточный, -ая, -ое ҳаракатгузаронанда; ...и супориш, ...и таҳвилдиҳӣ, гузаронанда, интиколӣ; **~ механизм** механизми ҳаракатгузаронанда; **~ акт** акти супурдани чиз

передатчик *м* 1. супуранда, диҳанда 2. *радио* передатчик, дастгоҳи фиристанда

передать *сов.* 1. *кого-что* додан, гирифта додан, супурдан, таҳвил додан, ҳавола кардан; **~ записку в президиум** ба президиум хатча додан; **~ из рук в руки** аз даст ба даст додан; **~ землю крестьянам** заминро гирифта ба деҳқонон додан // *что* омӯзондан, омӯхтан, ошно кардан, ёд додан; **~ свои знания и опыт молодёжи** ҷавононро бо донишу таҷрибаи худ ошно кардан; **~ детям любовь к труду** ба бачагон меҳнатдустӣ омӯхтан // *что спорт.* зада фиристодан, додан, партофтан 2. *что* гуфтан, расондан; нақл (баён) кардан; **~ привет** салом расондан; **верно ~ мысль автора** фикри муаллифро дуруст баён кардан 3. *что* тасвир кардан, акс кунондан 4. *что* расондан, шунавондан, нишон додан, маълум кардан; **~ концерт по радио** ба воситаи радио концерт шунавондан; **~ по телеграфу** ба воситаи телеграф маълум кардан 5. *что* гузарондан, паҳн кардан, сироят кунондан; **~ грипп** касалии гриппро гузарондан 6. *что* фиристодан, ҳавола (роҳӣ) кардан, додан, супурдан; **~ дело в суд** корро ба суд додан 7. *что, чего и без доп. разг.* *(дать лиш-*

нее) саҳван барзиёд додан 8. *сов. к* передавать 2

переда́||ться *сов. кому* 1. гузаштан, таъсир кардан; **его волнение ~лось мне** ҳаяҷони ӯ ба ман гузашт 2. *(о болезни)* сироят кардан, гузаштан

переда́ч||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **переда́ть)** додан(и), супурдан(и), таҳвил; нақл, баёнкунӣ; **~а световы́х сигна́лов** додани сигнал бо чароғ; **~а зна́ний и о́пыта** ошнокунӣ бо донишу таҷриба 2. радиошунавонӣ; намоиш; **програ́мма переда́ч по ра́дио** барномаи радиошунавонӣ; **телевизио́нная ~а** намоиши телевизион 3. *(продукты и т. п.)* озуқа, ҳар хел чизҳо; **принести́ больно́му ~у** ба бемор озуқа овардан 4. *тех.* механизми гузаронанда, дастгоҳи интиқоли ҳаракат

передва́ивать *несов. к* **передвои́ть**

передвига́ние *с (по знач. гл.* **передви́нуть** 1) ҷой иваз кардан(и), гузарондан(и), бурдан(и), овардан(и)

передвига́ть *несов. см.* **передви́нуть**

передвига́ться *несов.* 1. *см.* **передви́нуться**; 2. рафтан, гаштан, аз ҷое ба ҷое гузаштан, роҳ рафтан, роҳ гаштан; **~ с трудо́м** ба зур роҳ рафтан; **~ на маши́не** мошинсавор рафтан

передвиже́ни||е *с (по знач. гл.* **передви́нуть)** ҷойивазкунонӣ; тағйири макон, гузарондан(и), бурдан(и), овардан(и); *(по знач. гл.* **передви́нуться)** ҳаракаткунӣ, интиқол, роҳгардӣ; аз ҷое ба ҷое гузаштан(и); **~е во́йск** аз ҷое ба ҷое гузаштани қушун ◇ **сре́дства ~я** воситаҳои ҳамлу нақл

передви́жка *ж разг.* 1. *см.* **передвиже́ние**; 2. муассисаи маданиии сайёр; **библиоте́ка-~** китобхонаи сайёр // *(передвижная киноустановка)* кинои сайёр

передви́жник *м* передвижник *(рассоми тараққипарвари ҳақиқатнигор дар нимаи дуюми асри 19 дар Россия, ки ба «намоишгоҳҳои рассомони сайёр» иштирок мекард)*

передви́жничество *с* ҷараёни передвижникҳо

передвижн||о́й, -а́я, -о́е 1. ҳаракаткунанда, мутаҳаррик, қобили ҳаракат 2. сайёр; **~о́е кино́** кинои сайёр

передви́нуть *сов.* 1. *кого-что* ҳаракат додан, гузарондан, бурдан, овардан, кучондан; **~ стре́лку часо́в вперёд** ақрабаки соатро пеш бурдан; **~ войска́ к грани́це** қушунро ба сарҳад наздик овардан 2. *что разг.* монондан, дароз кардан; **~ сро́ки выполне́ния рабо́ты** мухлати иҷрои корро дароз кардан; **~ о́тпуск** мухлати отпускро ба вақти дигар монондан

передви́нуться *сов.* аз ҷое ба ҷое гузаштан, ҷой иваз кардан

передвои́ть *сов. что и без доп. с.-х.* дубора шудгор кардан

переде́л I *м (по знач. гл.* **передели́ть)** азнавтақсимкунӣ, тақсимоти дубора; **~ земли́** тақсимоти дубораи замин

переде́л II *м тех.* гудозиши дубораи металл

переде́лать *сов.* 1. *что* дигаргун кардан, аз нав сохтан, дубора сохтан, аз нав кор кардан; **~ пальто́** пальторо аз нав духтан // *кого-что перен.* дигар (ислоҳ) кардан, тағйир додан; **~ свой хара́ктер** феъли худро дигар кардан 2. *что разг. (все, многое)* иҷро (буд) кардан, анҷом додан; **~ мно́го дел** корҳои бисьёреро анҷом додан

переде́латься *сов. разг.* дигаргун (дигар) шудан, тағйир ёфтан

передели́ть *сов. что* 1. аз нав тақсим (ҳисса) кардан; **~ зе́млю** заминро аз нав тақсим кардан 2. *разг.* ба ҳиссаҳо ҷудо кардан, ду булак (қисм) кардан; **~ ко́мнату шкафа́ми** хонаро бо ҷевонҳо ба ду қисм ҷудо кардан

передели́ться *сов. разг.* байни худ аз нав тақсим кардан, дубора ҳисса кардан

переде́лк||а *ж (по знач. гл.* **переде́лать)** дигаргункунӣ, ислоҳ, азнавсозӣ; тағйир; *(по знач. гл.* **переде́латься)** дигаргуншавӣ, тағйир; **~а прое́кта** тағйири лоиҳа; **~а пла́тья** аз нав духтани курта ◇ **попа́сть в ~у** дуҷори мушкилӣ шудан, ба ҳолати ногувор афтодан

переде́лочный, -ая, -ое аз нав коркунанда, тағйирдиҳанда

переде́лывание *с (по знач. гл.* **переде́лать** 1) дигаргун кардан(и), азнавсозӣ, ислоҳ, тағйир

переде́лывать *несов. см.* **переде́лать**

переде́лываться *несов.* 1. *см.* **переде́латься**; 2. *страд.* дигаргун карда шудан

переде́льный, -ая, -ое *тех.* дубора гудозанда, аз нав коркунанда; **~ заво́д чёрной металлу́ргии** заводи аз нав коркунандаи маҳсулоти металлургияи сиёҳ; **~ чугу́н** чуяни дубора гудохташуда

переделя́ть *несов. см.* **передели́ть**

переделя́ться *несов.* 1. *см.* **передели́ться**; 2. *страд.* аз нав тақсим карда шудан, дубора ҳисса шудан

передёргивание *с (по знач. гл.* **передёрнуть)** кашидан(и); ҷунбондан(и), афшондан(и); қаллобӣ, чатоқкорӣ; бар қасд тағйир додан(и), таҳриф; **~ плеча́ми** кифтҷунбонӣ, кифтафшонӣ; **~ фа́ктов** таҳрифи фактҳо (санадҳо)

передёргивать *несов. см.* **передёрнуть**

передёргиваться *несов.* 1. *см.* **передёрнуться**; 2. *страд.* кашида шудан; бар қасд тағйир дода шудан

передержа́ть *сов. что* бисьёр (аз ҳад зиёд) нигоҳ доштан; **~ сни́мок** суратро дар падиддору аз ҳад зиёд нигоҳ доштан

передéрживание *с (по знач. гл.* **передержа́ть)** бисьёр нигоҳдорӣ, аз ҳад зиёд нигоҳ доштан(и)

передéрживать *несов. см.* **передержа́ть**

передéржка I *ж* 1. *см.* **передéрживание**; **~ фотосни́мков** аз ҳад зиёд нигоҳ доштани фотосурат дар падиддору 2. *уст. разг. (переэкзаменовка)* дубора имтиҳонсупорӣ

передéрж||ка II *ж разг.* таҳриф, қасдан ғалат таъбир кардан(и); **в статье́ мно́го ~ек** дар мақола бисьёр чизҳо нодуруст маънидод шудаанд

передёрну||ть *сов.* 1. *что* кашидан; ҷунбондан, афшондан; **~ть во́жжи** лаҷомро кашидан 2. *чем* афшондан; **~ть плеча́ми** кифтҳоро афшондан 3. *безл. кого-что* як қад паридан, банохост ларзидан, ваҷаррас задан; **его́ ~ло от отвраще́ния** аз кароҳат баданаш ваҷаррас зад 4. *что и без доп. карт.* қаллобӣ кардан, чатоқкорӣ кардан, қартаро номаълум дигар кардан 5. *что перен.* бар қасд тағйир додан, таҳриф кардан; **~ть фа́кты** фактҳоро таҳриф кардан

передёрнуться *сов.* як қад паридан, банохост ларзидан, ваҷаррас задан; **~ от отвраще́ния** аз кароҳат ба ларза афтодан

переди́р *м с.-х.* ярмаи муқашшар нашудаи ғалладона

передира́ть *несов. см.* **передра́ть**

передислока́ция *ж воен.* аз нав ҷойгиркунии қушун, тағйири мавзеъ кардани қушун

передислоци́ровать *сов. кого-что воен.* аз нав ҷойгир (ҷо ба ҷо) кардан, тағйири мавзеъ кардан; **~ корабли́ фло́та** киштиҳои флотро аз нав ҷо ба ҷо кардан

передислоци́роваться *сов. воен.* ҷой иваз кардан, тағйири мавзеъ карда шудан; **~ в но́вый райо́н** дар маҳалли нав ҷойгир шудан

передко́вый, -ая, -ое 1. ...и қисми пеши ароба; ...и чарxҳои пеши ароба 2. ...и аробачаи дучархаи тупкашон

передне- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «пеш»:* **переднея́зычный** пешизабонӣ, нугизабонӣ

переднева́ть *сов. прост.* рузро дар ҷое гузарондан

переднея́зычн||ый, -ая, -ое *лингв.* пешизабонӣ, нугизабонӣ; **~ые гла́сные** садонокҳои пешизабонӣ

пере́дн||ий, -яя, -ее пеш; **~ие но́ги ло́шади** пойҳои пеши асп; **~ее колесо́** чархи пеш ◇ **~ий край** 1) *воен.* хатти пеши ҷанг 2) мавқеи муҳим; **~ий у́гол** пешгоҳи хона

пере́дник *м* пешбанд, пешдоман, ошхурак; **де́тский ~** ошхураки кудак

пере́дняя *ж* дахлез

передо *предлог пешоянде, ки ба ҷои «перед» кор фармуда мешавад:* **~ мно́ю** дар пеши ман; *см.* **перед**

передове́рить *сов. что* ваколати худро ба каси дигар додан; кори худро (ваколати худро) ба дигаре супурдан

передоверя́ть *несов. см.* **передове́рить**

передови́к *м* пешқадам, пешрав; **~й колхо́зных поле́й** пешқадамони саҳроҳои колхозӣ; **~й произво́дства** пешқадамони истеҳсолот

передови́ца *ж разг.* сармақола

передов||о́й, -ая, -о́е 1. пешрав, пешгард, пешоҳанг, пешқадам; **~ые ме́тоды рабо́ты** усулҳои пешқадами кор;

~ой отряд конницы дастаи пешгарди аскарони савора 2. *перен.* пешқадам, мутараққӣ; ~ая культура маданияти пешқадам; ~ой колхоз колхози пешқадам; ~ые идеи ғояҳои мутараққӣ 3. *в знач. сущ.* **передовая** *ж*, **передовые** *мн. то же, что* ~**ая позиция**; 4. *в знач. сущ.* **передовая** *ж то же, что* ~**ая статья** ◇ ~**ая позиция (линия)** *воен.* хатти пеши ҷабҳа, мавқеи пеши ҷанг; ~**ая статья** сармақола

передок *м* 1. (*экипажа и т. п.*) қисми пеши ароба; чарххои пеши ароба 2. *чаще мн.* **передки** аробаи дучархаи тӯпкашонӣ 3. *сапожн.* сарӣ, қисми пеши руи пойафзол

передом *нареч. обл.* пешопеш, пеш-пеш, пешравон

передопрашивать *несов. см.* **передопросить**

передопрос *м* (*по знач. гл.* **передопросить**) дубора пурсидан(и), аз нав тафтиш (истинтоқ, тергав) кардан(и)

передопросить *сов. кого* 1. аз нав пурсидан, аз нав тафтиш (тергав) кардан, аз нав истинтоқ кардан 2. *прост.* (*всех, многих*) аз як сар пурсидан, тафтиш (истинтоқ, тергав) кардан

передохнуть *сов. разг.* (*о всех, многих*) саросар мурдан, қир шудан, ҳаром мурдан

передохнуть *сов.* 1. (*вздохнуть*) нафас гирифтан, нафаси тоза гирифтан 2. *разг.* (*отдохнуть*) дам гирифтан, нафас рост кардан

передразнивание *с* (*по знач. гл.* **передразнить**) масхаракунӣ, тақлид карда масхаракунӣ

передразнивать *несов. см.* **передразнить**

передразнить *сов. кого и без доп.* масхара кардан, тақлид карда масхара кардан

передрать *сов.* 1. *что разг.* (*изорвать всё, многое*) аз як сар дарронидан (пора кардан) 2. *прост.* (*износить всё, многое*) пушида кухна (фасурда) кардан 3. *кого-что обл.* (*задрать всех, многих*) дарронда куштан (*дар бораи ҳайвоноти дарранда*) 4. *кого разг.* (*высечь всех, многих*) задан, куфтан, лат кардан

передраться *сов. разг.* (*со всеми, многими*) ҷанг карда якдигарро задан, занозанӣ кардан, даст ба гиребон шудан

передрогнуть *сов. разг.* сахт (бисьёр) хунук хурдан, ях кардан

передружить *сов. кого разг.* (*всех, многих*) дуст кунондан

передружиться *сов. разг.* (*со всеми, многими*) ба ҳам дуст шудан, алоқаи дӯстӣ пайдо кардан

передряг||а *ж разг.* ҳолати ногувор, ташвиш, аҳволи мушкил; **попасть в** ~**у** дучори ҳолати ногувор шудан

передума||ть *сов.* 1. фикри (қарори) худро тағьир додан; аз фикри аввал гаштан; **я** ~**л — не поеду** ман аз фикрам гаштам — намеравам 2. *что, о чём разг.* (*обдумать всё, многое*) фикр кардан, бисьёр мулоҳиза рондан

передумывать *несов. см.* **передумать**

передушить *сов. кого-что разг.* (*всех, многих*) аз як сар буғӣ кардан, хафа кардан

передых *м прост. см.* **передышка**

передыхать *несов. см.* **передохнуть**

передышк||а *ж* дамгирӣ, нафасросткунӣ, танаффус, тавақкуф; **не дать ни минуты** ~**и** ягон дақиқа барои дамгирӣ фурсат надодан; **получить** ~**у** барои дамгирӣ фурсат ёфтан

переедание *с* (*по знач. гл.* **переесть**) барзиёдхурӣ, зиёдатихурӣ, пурхурӣ

переедать *несов. см.* **переесть**

переезд *м* 1. (*по знач. гл.* **переехать** 1, 2) гузаштан(и); кучидан(и); ~ **на другое место** тағьири макон кардани 2. гузаргоҳ; **железиодорожный** ~ гузаргоҳи роҳи оҳан 3. *разг.* (*расстояние*) масофаи байни ду истгоҳ

переездн||ой, -ая, -ое ...и гузаргоҳ; ~**ые пути** гузаргоҳҳо

переезжать *несов. см.* **переехать**

перее||сть *сов.* 1. *чего и без доп.* барзиёд хурдан, пурхурӣ кардан, аз андоза зиёд хӯрдан; **ребёнок** ~**л** бача барзиёд хурд 2. *что* хурдан, хурда кардан; **ржавчина** ~**ла проволоку** занг симро хурда кард

переехать *сов.* 1. *что, через что* гузаштан; ~ **реку** аз дарьё гузаштан 2. (*переселиться*) кучидан, куч кардан 3. *кого-что разг.* (*раздавить*) пахш кардан, пахш карда маиб кардан

пережаривать *несов. см.* **пережарить**

пережариваться *несов.* 1. *см.* **пережариться**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд бирьён карда шудан

пережарить *сов. что* 1. аз ҳад зиёд бирьён кардан; синга кардан, сингабирьён кардан 2. *разг.* (*всё, многое*) бирьён кардан, сурх кардан 3. *разг.* бирьён кардан, зирбондан; ~ **лук с морковью** пиёзро бо сабзӣ омехта бирьён кардан

пережариться *сов.* 1. аз ҳад зиёд бирьён шуда сахт шудан; синга бирьён шудан 2. *прост.* сухтан; ~ **на солнце** дар офтоб сухтан

пережать *сов. что разг.* (*всё, многое*) даравидан (дарав кардан); ~ **всю пшеницу** тамоми гандумро дарав кардан

переждать *сов. что и без доп.* дар як ҷо мунтазир шудан; ~ **дождь** то мондани борон мунтазир шудан

пережевать *сов. что* хоидан, хоида майда кардан; ~ **пищу** хурокро хоидан

пережёвывание *с* (*по знач. гл.* **пережевать**) хоидан(и), хоида майда кардан(и); ~ **пищи** хоидани хурок

пережёвывать *несов.* 1. *см.* **пережевать**; 2. *что* хоида-хоида майда кардан 3. *что перен.* такрор кардан; гаштаву баргашта гуфтан; ~ **всем известные истины** гапҳои ба ҳама маълумро гаштаву баргашта гуфтан ◇ ~ **жвачку** гапро хоидан, як гапро дилгиркунона такрор кардан

пережёвываться *несов. страд.* хоида шудан

пережелтить *сов. что разг.* аз ҳад зиёд зард кардан, заб-зард кардан

переженить *сов. кого разг.* (*всех, многих*) хонадор (зандор) кардан

переженй||ться *сов.* (*о всех, многих*) хонадор (зандор) шудан; **все мой друзья** ~**лись** ҳамаи дустони ман хонадор шуданд

пережечь *сов. что* 1. бирьён карда сӯзондан, пухта гузарондан; ~ **кофе** қаҳваро бирьён карда сузондан; ~ **лампочку** лампочкаро сузондан 2. (*всё, многое*) аз як сар сухтан, сӯхта адо кардан; ~ **все дрова** ҳамаи ҳезумро сухта тамом кардан 3. *разг.* аз андоза зиёд сузондан, аз андоза зиёд сухта сарф кардан 4. сузондан, хурдан, пора намудан; **кислота пережгла проволоку** кислота симро хурд 5. сузонда тайёр кардан; ~ **дрова в уголь** ҳезумро сузонда ангишт кардан

переживани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **пережить** 2—4 *и* **переживать** 2) аз-саргузаронӣ, дидан(и); ҳис кардан(и) 2. *чаще мн.* **переживания** таассурот, ҳиссиёт; **радостные** ~**я** ҳиссиёти шодкомӣ; **тяжёлые** ~**я** ғаму андӯх

переживать *несов.* 1. *см.* **пережить** 2—4; 2. *что и без доп. разг.* ҳис кардан, мутаассир шудан; **остро** ~ **разлуку** алами сахти хиҷрон кашидан

переживаться *несов. страд.* ҳис карда шудан, аз сар гузаронда шудан

пережиг *м* 1. *см.* **пережигание**; 2. (*перерасход*) сарфи барзиёд (*сузишворӣ, қувваи электрро*)

пережигание *с* (*по знач. гл.* **пережечь**) сӯзондан(и), хурдан(и), торакунӣ, сузонда тайёркунӣ

пережигать *несов. см.* **пережечь**

пережигаться *несов. страд.* сузонда тайёр карда шудан

пережидать *несов. см.* **переждать**

пережим *м горн.* борикшавии раги маъдан (*дар ягон ҷои қабати замин*)

пережитое *с* саргузашт, воқеаи аз сар гузаронидашуда; сахтиҳои таҳаммулшуда

пережиток *м* боқимонда, боқимондаи замони гузашта

пережиточн||ый, -ая, -ое аз замони гузашта боқимонда; ...и боқимонда; ~**ые явления** зуҳуроти боқимондаи кӯҳнагӣ

пережить *сов.* 1. *что* зинда мондан, умр дидан, зиндагӣ кардан; **жизнь** ~ **— не поле перейти** *посл.* ≈ зиндагӣ ба сар бурдан сайри боғ не 2. *кого-что* (*прожить дольше кого-чего-л.*) аз касе зиёдтар умр дидан, баъд аз сари касе зинда мондан 3. *что и без доп.* (*вытерпеть*) тоб (тоқат) овардан, зинда мондан; **этого несчастья он не переживёт** вай ба ин бадбахтӣ тоб оварда наметавонад 4. *что* аз сар гузарондан, таҳаммул кардан, дидан, чашидан, дучор шудан; ~ **кризис** дучори бӯҳрон шудан; аз бӯҳрон халос шудан; ~ **подъём** тараққӣ кардан; ~ **сильное горе** мусибати сахтеро таҳаммул кардан ◇ ~ [**са-**

могó] себя 1) (*сохранить своё значение после смерти*) қадру эътибори худро баъди вафот [ҳам] гум накардан 2) (*утратить своё значение при жизни*) қадру эътибори худро ҳануз дар зиндагӣ гум кардан

пережóг *м разг.* 1. *см.* **пережигáние**; ~ **электролáмпочки** сухтани лампочкаи электрик 2. *см.* **пережи́г** 2; ~ **горючего** сарфи барзиёди сузишворӣ 3. *тех.* тафсида қисман обшавӣ (*дар натиҷаи аз ҳад зиёд тафсондани металл дар моддаи туршонанда*)

перезабыть *сов. кого-что разг.* (*всех, многих*) фаромуш кардан, аз хотир баровардан; ~ **своих старых знакóмых** ошноҳои деринаи худро фаромуш кардан

перезабы́||ться *сов. разг.* (*о всём, многом*) фаромуш шудан, аз хотир (аз ёд) баромадан; **всё** ~**лось** ҳама фаромуш шуд

перезаклáд *м уст. см.* **перезалóг**

перезаклáдывать *несов. см.* **перезаложи́ть**

перезаклáдываться *несов. страд.* аз нав гарав монда шудан

перезаключáть *несов. см.* **перезаключи́ть**

перезаключаться *несов. страд.* аз нав баста шудан

перезаключéние *с* (*по знач. гл.* **перезаключить**) аз нав бастан(и); ~ **дóговóра** аз нав бастани шартнома, нав кардани шартнома

перезаключи́ть *сов. что* аз нав бастан; ~ **соглашéние** аҳдномаро аз нав бастан, шартномаи нав бастан, шартномаро нав кардан

перезалóг *м* (*по знач. гл.* **перезаложить**) азнавгаравмонӣ, гаравмонии дубора

перезаложи́ть *сов. что* аз нав гарав мондан, аз нав ба гарав додан, дубора бо шартҳои нав гарав мондан; ~ **дом** хонаро дубора гарав мондан; ~ **свой вéщи** ашьёҳои худро аз нав гарав мондан

перезаряди́ть *сов. что* 1. аз нав ҷо кардан, дубора пур кардан; ~ **винтóвку** ба туфанг аз нав тир ҷо кардан; ~ **фотоаппарáт** ба фотоаппарат аз нав навор мондан 2. *эл.* аз нав заряд пур кардан; ~ **батарéю** ба батарея аз нав заряд пур кардан

перезаряди́ться *сов.* аз нав бо тир пур шудан; дубора заряднок шудан

перезарядка *ж* (*по знач. гл.* **перезаряди́ть**) аз нав ҷо кардан(и); (*по знач. гл.* **перезаряди́ться**) аз нав бо тир пур шудан(и); ~ **винтóвки** аз нав ҷо кардани тир ба туфанг

перезаряжание *с см.* **перезаря́дка**

перезаряжать *несов. см.* **перезаряди́ть**

перезаряжаться *несов.* 1. *см.* **перезаряди́ться**; 2. *страд.* аз нав бо тир пур карда шудан; дубора заряднок карда шудан

перезаряжéние *с см.* **перезаря́дка**

перезаря́женный, -ая, -ое *прич., прил.* аз нав бо тир пур кардашуда; аз нав (дубора) заряднок кардашуда

перезаряжённый, -ая, -ое *см.* **перезаря́женный**

перезвáнивать *несов.* 1. *см.* **перезвонить**; 2. *во что и без доп.* паси ҳам зангула задан // *чем* ҷарангос занондан

перезвáниваться *несов.* 1. *см.* **перезвони́ться**; 2. (*издавать звон*) ҷаранг-ҷаранг садо додан

перезвóн *м* садои зангӯлаҳо, ҷаранг-ҷаранги зангулаҳо, танини ноқусҳо

перезвони́ть *сов.* 1. аз нав занг задан, дубора телефон кардан 2. (*всем, многим*) *разг.* як-як (аз як сар) телефон кардан; ~ **всем друзья́м** ба ҳамаи дустон як-як телефон кардан

перездорóваться *сов. разг.* (*со всеми, многими*) саломалейк кардан, аҳволпурсӣ кардан

перезимовать *сов.* зимистон гузарондан; ~ **в дерéвне** зимистонро дар деҳа гузарондан

перезимóвка *ж* (*по знач. гл.* **перезимовáть**) зимистонгузаронӣ

перезимóвывать *несов. см.* **перезимовáть**

перезнакóмить *сов. кого разг.* (*всех, многих или одного со всеми, многими*) ошно кардан, шиносо (муаррифӣ) кардан, бо якдигар ошно кардан

перезнакóмиться *сов. разг.* (*со всеми многими*) ошно шудан, шиносо шудан

перезолотить *сов. что* 1. (*заново*) аз нав зарҳал (зарандуд) кардан, дубора оби тилло давондан 2. *разг.* (*все, многое*) зарҳал (зарандуд) кардан, оби тилло давондан

перезревание *с* (*по знач. гл.* **перезрéть**) аз ҳад зиёд пухтан(и), пухта гузаштан(и); ~ **плодóв** пухта гузаштани меваҳо

перезревáть *несов. см.* **перезрéть**

перезрéлость *ж* пухта гузаштагӣ будан(и); ~ **плодóв** пухта гузаштагӣ будани меваҳо

перезрéл||ый, -ая, -ое 1. аз ҳад зиёд пухтагӣ, пухта гузашта; ~**ая ды́ня** харбузаи пухта гузаштагӣ 2. *перен. разг. ирон.* солхурда, солдида

перезрé||ть *сов.* 1. аз ҳад зиёд пухтан, пухта гузаштан; **пéрсики** ~**ли** шафтолу пухта гузашт 2. *перен. разг. ирон.* пир шудан

перезябнуть *сов. разг.* сахт хунук хурдан, хунук хурда шах шудан

переиграть *сов.* 1. *что* (*заново*) аз нав бозӣ кардан, бозии нав кардан; аз нав навохтан (иҷро кардан) 2. *что* (*всё, многое*) бозӣ кардан, навохтан (сурудан, иҷро кардан); ~ **на фортепья́но все пьéсы** ҳамаи пьесаҳоро бо фортепьяно навохтан 3. *разг.* (*поиграть слишком долго*) дуру дароз бозӣ кардан 4. *кого разг.* (*победить в игре*) аз дигарон беҳтар бозӣ кардан, дар бозӣ пешдастӣ кардан 5. *что и без доп. театр. и разг.* рольро (нақшро) ғайритабиӣ бозидан

перейгрывание *с* (*по знач. гл.* **переигрáть**) аз нав бозӣ кардан(и); аз нав навохтан(и); иҷрои ғайритабиии нақш; ~ **шáхматной пáртии** аз нав бозӣ кардани як пайт шоҳмот

перейгрывать *несов. см.* **переигрáть**

перейгрываться *несов. страд.* аз нав бозӣ карда шудан

переизбирáть *несов. см.* **переизбрáть**

переизбираться *несов. страд.* аз нав интихоб карда шудан

переизбрáние *с* (*по знач. гл.* **переизбрать**) азнавинтихобкунӣ, дубораинтихобкунӣ

переизбрáть *сов. кого-что* аз нав (дубора) интихоб кардан; ~ **профбюрó** бюрои иттифоқи касабаро аз нав интихоб кардан

переизбы́ток *м* аз ҳад зиёд будан(и), барзиёд будан(и)

переиздавáть *несов. см.* **переиздáть**

переиздавáться *несов. страд.* аз нав чоп карда шудан, дубора ба табъ расидан

переиздáние *с* 1. (*по знач. гл.* **переиздáть**) азнавчопкунӣ, дубораиашркунӣ, дубора ба табъ расидан(и) 2. аз нав нашршуда, нашри такрорӣ, табъи дубора

переиздáть *сов. что* аз нав чоп кардан, дубора нашр (табъ) кардан, дубора баровардан; ~ **учéбник** китоби дарсиро аз нав чоп кардан

переименовáние *с* (*по знач. гл.* **переименовáть**) номи нав гузоштан(и), тағйири ном (исм), додани номи нав, дигар кардани ном (исм); ~ **гóрода** дигар кардани номи шаҳр

переименовáть *сов. кого-что* номи (исми) нав гузоштан, номи нав додан, бо исми дигар номидан, исмро тағйир додан

переименовáться *сов.* номи (исми) нав гирифтан, бо исми дигар номида шудан

переименóвывать *несов. см.* **переименовáть**

переименóвываться *несов.* 1. *см.* **переименоваться**; 2. *страд.* номи (исми) нав дода шудан, тағйири исм карда шудан

переймчивость *ж разг.* муқаллидӣ, тақлидкорӣ; хушзеҳнӣ, зуд азхудкунанда (ёдгиранда) будан(и)

переймчивый, -ая, -ое (переймчив, -а, -о) *разг.* муқаллид, тақлидкунанда; хушзеҳн, зуд азхудкунанда (ёдгиранда)

переинáчивание *с* (*по знач. гл.* **переинáчить**) дигаркунӣ, тағйирдиҳӣ

переинáчивать *несов. см.* **переинáчить**

переинáчиваться *несов. страд.* дигар карда шудан, тағйир дода шудан

переинáчить *сов. что разг.* дигар (дигаргун) кардан, тағйир додан

переискáть *сов. что и без доп. разг.* (*везде, всюду*) кофтуков (ҷустуҷӯ) кардан

перейти́ *сов.* 1. *что, через что и без доп.* гузаштан, убур кардан; ~ [**чé-рез**] **ýлицу** аз кӯча гузаштан, кучаро бурида гузаштан; ~ **мост** аз пул гузаштан; ~ **рéку́ вброд** аз ҷои паст-

оби дарьё [пиёда] гузаштан; ~ **в другу́ю ко́мнату** ба хонаи дигар гузаштан 2. гузаштан; ~ **на друго́й факульте́т** ба факультети дигар гузаштан; ~ **на тре́тий курс** ба курси сеюм гузаштан 3. гузаштан, ҳамроҳ шудан; ~ **на сто́рону врага́** ба тарафи душман гузаштан; ~ **в друго́е по́дданство** ба раияти давлати дигар гузаштан 4. *к кому, кому* гузаштан; **власть перешла́ в ру́ки трудя́щихся** ҳокимият ба дасти меҳнаткашон гузашт; **дом перешёл по насле́дству к сыну** хона ба писар мерос монд; **боле́знь от ма́тери перешла́ к ребёнку** касалӣ аз модар ба бача сироят кард; **в ру́сский язы́к перешло́ мно́го слов из францу́зского** ба забони русӣ аз франсузӣ бисьёр калимаҳо гузаштаанд 5. гузаштан; пардохтан, шуруъ кардан; ~ **к друго́й те́ме** ба мавзуи дигар гузаштан; ~ **от оборо́ны к наступле́нию** аз мудофиа ба ҳуҷум гузаштан 6. *во что* мубаддал шудан, табдил ёфтан, гузаштан; **ве́тер перешёл в ураган** шамол ба туфон мубаддал шуд 7. *за что разг.* гузаштан; **вре́мя перешло́ за́ по́лночь** вақт аз нисфи шаб гузашт ◇ ~ **доро́гу кому́-л.** сари роҳи касеро гирифтан; ~ [**че́рез**] **поро́г** *кого-чего, чей* ворид (дохил) шудан; ~ **Рубико́н** қадами қатъӣ гузоштан, ба қарори қатъӣ омадан

перека́л *м см.* **перека́ливание**

перекале́чивать *несов. см.* **перекале́чить**

перекале́чить *сов. кого-что разг.* (*всех, многих*) маиб (маъюб) кардан

перека́ливание *с* (*по знач. гл.* **перекали́ть**) аз ҳад зиёд обутобдиҳӣ; (*по знач. гл.* **перекали́ться**) аз ҳад зиёд тафсидан(и)

перека́ливать *несов. см.* **перекали́ть**

перека́ливаться *несов.* 1. *см.* **перекали́ться**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд обутоб дода шудан

перекали́ть *сов. что* 1. аз ҳад зиёд обутоб (об) додан; ~ **сталь** пӯлодро аз ҳад зиёд об додан 2. *разг.* аз ҳад зиёд тафсондан, аз ҳад зиёд гарм кардан; ~ **печь** танӯрро аз ҳад зиёд тафсондан

перекали́||ться *сов.* 1. аз андоза зиёд обутоб ёфтан; **клино́к** ~**лся** теғи шамшер аз ҳад зиёд обутоб ёфтааст 2. *разг.* аз ҳад зиёд тафсидан, аз ҳад зиёд гарм шудан; **утю́г** ~**лся** уттӣ аз ҳад зиёд тафсид

перека́лка *ж см.* **перека́ливание**

перека́лывание *с* (*по знач. гл.* **переколо́ть** I) ба ҷои дигар халондан(и), ба тарзи дигар халондан(и)

перека́лывать *несов. см.* **переколо́ть** I

перека́лываться *несов.* 1. *см.* **переколо́ться**; 2. *страд.* ба ҷои дигар халонда шудан

перекаля́ть *несов. разг. см.* **перекали́ть**

перека́пать *сов. что разг.* аз миқдори даркорӣ зиёдтар чакондан

перека́пчивать *несов. см.* **перекопти́ть**

перека́пчиваться *несов.* 1. *см.* **перекопти́ться**; 2. *страд.* бисьёр дудолуд (дудаандуд) карда шудан

перека́пывание *с см.* **перекопка**

перека́пывать I *несов. см.* **перекопа́ть**

перека́пывать II *несов. см.* **перека́пать**

перека́пываться *несов. страд.* аз нав побел карда шудан

перека́рмливание *с* (*по знач. гл.* **перекорми́ть**) барзиёд хурондан(и), аз ҳад зиёд сер кардан(и)

перека́рмливать *несов. см.* **перекорми́ть**

перека́т *м* 1. (*по знач. гл.* **перекати́ть**) ғелониш, ғелондан(и) 2. *чаще мн.* **перека́ты** ғурриш, [садои] гулдуррос; **слы́шались** ~**ы** **оруди́йных вы́стрелов** садои гулдурроси туппарони ба гӯш мерасид 3. (*на реке*) ҷоп пастоби (камоби) дарьё

перека́тать *сов. разг.* 1. *что* (*всё многое*) ғелондан, ғелонда овардан (бурдан) 2. *кого* (*всех, многих*) савора гардиш кунондан, савора сайр кунондан; ~ **ребя́т на ло́дке** бачаҳоро қаиқсавор гардиш кунондан

перека́та́||ться *сов. разг.* (*о всех, многих*) савора гардиш (сайр) кардан; **все ребя́та** ~**лись на маши́не** ҳамаи бачаҳо мошинсавор гардиш карданд

перекати́-по́ле *с* хори ғелон

перека́тистый, -ая, -ое (**перека́тист**, -а, -о) *разг.* гулдурросӣ, садои ғурриш (гулдурросӣ)

перекати́ть *сов. что* ғелондан, ғелонда овардан (бурдан, гузарондан); ~ **бо́чку на друго́е ме́сто** бочкаро ба ҷои дигар ғелонда бурдан

перекати́ться *сов.* ғелидан, ғелида омадан (рафтан), ғелида гузаштан; ~ **на друго́е ме́сто** ба ҷои дигар ғелида рафтан

перека́тка *ж* (*по знач. гл.* **перекати́ть**) ғелониш, ғелондабарӣ, ғелондаоварӣ; ғелонда тахт кардан(и)

перека́тн||ый, -ая, -ое 1. (*о волнах*) лаппанда, ғелон 2. гулдурросӣ, ғурришдор; ~**ый гро́хот оруди́йных за́лпов** садои гулдурросии шиллики тӯпҳо ◇ **голь** ~**ая** *уст.* қашшоқон, мардуми ниҳоят бенаво

перека́тчик *м* ғелонанда

перека́тывание *с см.* **перека́тка**

перека́тывать I *несов. см.* **перека́тать**

перека́тывать II *несов. см.* **перекати́ть**

перека́тываться I *несов. страд.* аз нав ғелонда оварда шудан

перека́тываться II *несов.* 1. *см.* **перекати́ться**; 2. (*о звуках*) ғурридан, гулдур-гулдур кардан, гулдуррос задан 3. *страд.* ғелонда шудан

перекача́ть *сов.* 1. *что* бо насос кашидан; ~ **нефть в цисте́рны** нафтро бо насос кашида ба цистернаҳо рехтан 2. *кого разг.* (*покачать всех, многих*) арғунчак паррондан; алвонҷ додан

перекача́||ться *сов. разг.* 1. (*о всех, многих*) алвонҷ хӯрдан, арғунчак паридан; **все де́ти** ~**лись на каче́лях** ҳамаи бачаҳо арғунчак париданд 2. (*прокачаться слишком долго*) дуру дароз алвонҷ хурдан; аз ҳад зиёд арғунчак паридан

перека́чивание *с см.* **перека́чка**

перека́чивать *несов. см.* **перекача́ть**

перека́чиваться *несов.* 1. (*при ходьбе, движении*) аз паҳлу ба паҳлу майлон кардан, мурғобивор гаштан 2. *страд.* бо насос кашида шудан

перека́чка *ж* (*по знач. гл.* **перекача́ть** 1) бо насос кашидан(и); ~ **не́фти** бо насос кашида ба зарфе андохтани нафт

перека́шивание I *с* (*по знач. гл.* **перекоси́ть** I) даравида тамомкунӣ

перека́шивание II *с* (*по знач. гл.* **перекоси́ть** II) каҷкунӣ, яктарафакунӣ

перека́шивать I, II *несов. см.* **перекоси́ть** I, II

перека́шиваться I *несов. страд.* сар то сар дарав карда шудан

перека́шиваться II *несов.* 1. *см.* **перекоси́ться**; 2. *страд.* каҷ карда шудан

переквалифика́ци||я *ж* (*по знач. гл.* **переквалифици́ровать** *и* **переквалифици́роваться**) тағйири ихтисос (пеша); **пробле́ма** ~**и ка́дров** масъалаи тағйири ихтисоси кадрҳо

переквалифици́ровать *сов., несов. кого-что* ихтисосро (пешаро) худро тағйир додан, ихтисоси (касбу ҳунари) нав ёд додан

переквалифици́роваться *сов., несов.* ихтисоси (пешаи) худро тағйир додан, касбу ҳунари нав ёд гирифтан

переква́сить *сов. что* аз ҳад зиёд туршондан; ~ **те́сто** хамирро аз ҳад зиёд туршондан

переква́ситься *сов. разг.* аз ҳад зиёд туршидан

переква́шивать *несов. см.* **переква́сить**

переква́шиваться *несов.* 1. *см.* **переква́ситься**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд туршонда шудан

перекида́ть *сов. см.* **перебро́са́ть**

переки́дка *ж разг. см.* **переки́дывание**

перекидн||о́й, -а́я, -о́е: ~**о́й мост** пули (купруки) бесутун; ~**а́я су́мка** кулбори кифтӣ, хурҷин

переки́дывание *с* (*по знач. гл.* **перекида́ть** *и* **переки́нуть**) ҳаводиҳӣ, партофтан(и)

переки́дывать *несов. см.* **перекида́ть** *и* **переки́нуть**

переки́дываться *несов.* 1. *см.* **переки́нуться**; 2. *страд.* партофта шудан

переки́нуть(ся) *сов. см.* **перебро́сить(ся)**

перекипа́ть *несов. см.* **перекипе́ть**

перекипе́||ть *сов.* 1. доғҷӯш шудан, сахт ҷӯшида вайрон шудан; **суп** ~**л** шурбо доғҷӯш шуд 2. *перен. разг.* аз ҷаҳл фуромада таскин ёфтан

перекипяти́ть *сов. что* дубора (аз нав) ҷӯшондан; ~ **молоко́** ширро дубора ҷушондан

перекиса́ть *несов. см.* **перекисну́ть**

перекисли́ть *сов. что разг.* аз ҳад зиёд турш кардан

перекисля́ть *несов. см.* **перекисли́ть**

переки́с||нуть *сов.* аз ҳад зиёд туршидан, тамоман турш шудан; **тéсто ~ло** хамир туршида рафт

пéрекись *ж* перекись (*дараҷаи баланди туршшавии ягон моддаи химиявӣ*); **~ водорóда** перекиси водород

переклад *м горн.* болори кон, чуби ғафси арзӣ

перекладин||а *ж* 1. дастак, хода, чуби кундаланг 2. *спорт.* турник; **упражнéния на ~е** машқ дар турник

перекладка *ж* (*по знач. гл.* **переложи́ть** 3, 4, 8) дар миёни чизе гузоштан(и); аз нав чидан(и); аз нав сохтан(и); ивазкунии аспҳои ароба; **~ пéчи** аз нав сохтани печка

перекладн||óй, -ая, -ое дар манзилҳои роҳ (дар истгоҳҳои почта) ивазшаванда (*то ҷорӣ шудани роҳи оҳан*); **~ая трóйка** аробаи сеаспаи дар манзилҳои роҳ ивазшаванда

перекла́дывание *с* (*по знач. гл.* **переложи́ть** 1—4) ба ҷои дигар гузоштан(и); ба зиммаи касе гузоштан(и); дар миёни чизе гузоштан(и); аз нав чидан(и)

перекла́дывать *несов. см.* **переложи́ть** 1—6, 8)

перекла́дываться *несов. страд.* аз нав чида шудан; ба ҷои дигар гузошта шудан

переклéивание *с см.* **переклéйка**

переклéивать *несов. см.* **переклéить**

переклéиваться *несов. страд.* аз нав ширеш карда шудан

переклéить *сов. что* 1. аз нав ширеш кардан (часпондан), ба ҷои дигар часпондан; **~ мáрку на другóй конвéрт** маркаро ба конверти дигар часпондан 2. (*всё, многое*) елимкорӣ кардан, бо ширеш часпондан

переклéйка *ж* (*по знач. гл.* **переклéить**) ба ҷои дигар часпондан(и); **~ обоев** нав кардани коғазҳои девори

переклейми́ть *сов. что* 1. аз нав (дубора) тамға задан 2. (*всё, многое*) тамға задан; **~ все детáли** ҳамаи детальҳоро тамға задан

переклепать *сов. что* 1. аз нав парчин кардан 2. (*всё, многое*) парчин кардан; **~ все болты́** ҳамаи мурватҳоро парчин кардан

переклёпка *ж* (*по знач. гл.* **переклепа́ть**) аз нав парчинкунӣ

переклёпывание *с см.* **переклёпка**

переклёпывать *несов. см.* **переклепать**

перекликáть *несов. кого и без доп. разг.* як-як ном гирифтан, паси ҳам чеғ задан, ҳозирғоиб кардан, мухобира кардан

перекликаться *несов.* 1. ба ҳамдигар садо додан, бо овоз хабар додан, мухобира кардан; **~ в лесý** дар ҷангал ба ҳамдигар садо додан 2. *перен.* шабоҳат доштан, мушобеҳ будан, ба ҳамдигар монанд (наздик) будан

перекли́кнуть *сов. см.* **перекликáть**

перекли́кнуться *сов. см.* **перекликаться** 1

перекли́чк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **перекликáться** 1) ба ҳамдигар садодиҳӣ, мухобира 2. ҳамдигарро даъваткунӣ (*барои шиносоӣ бо кори якдигар ва ғ.*); **~а городóв** ҳамдигарро бо навбат даъват кардани шаҳрҳо 3. як-як номгирӣ, паси ҳам чеғзанӣ, ҳозирғоибкунӣ; **сдéлать ~у** ҳозирғоиб кардан, як-як ном гирифта чеғ задан

переключа́тель *м* калид; **электри́ческий ~** калиди электрик; **~ скоростéй** калиди суръати харакат

переключáть *несов. см.* **переключи́ть**

переключаться *несов.* 1. *см.* **переключи́ться**; 2. *страд.* тағьир дода шудан

переключéние *с* (*по знач. гл.* **переключить**) тағьирдиҳӣ; табдил, таъвиз, гузарондан(и); **~ завóда на произвóдство трáкторов** ба истеҳсоли тракторҳо гузаронданн завод; (*по знач. гл.* **переключи́ться**) тағьирьёбӣ, табдил, дигаршавӣ, гузаштан(и); **~ скоростéй** тағьири суръати ҳаракат; **~ внимания** ба чизи дигар ҷалбкунии диққат

переключи́ть *сов. что* 1. тағьир додан, иваз кардан; **~ мотóр** суръати ҳаракати моторро тағьир додан; **~ ток** ҷараёни электрикиро иваз кардан 2. гузарондан, гардондан; **~ цех на изготовлéние нóвого оборýдования** цехро ба истеҳсоли таҷҳизоти нав гузарондан 3. *перен.* ба тарафи дигар бурдан, ба дигар су равона кардан, иваз кардан; **~ внимáние** диққатро ба дигар су равона кардан; **~ разговóр на другýю тéму** мавзуи суҳбатро иваз кардан

переключи́||ться *сов.* 1. гузаштан; **завод ~лся на произвóдство трактóров** завод ба истеҳсоли тракторҳо гузашт 2. *перен.* ба тарафи дигар равона шудан, иваз шудан; **разговóр ~лся на другýю тéму** мавзуи суҳбат дигар шуд

перековáть *сов.* 1. *кого-что* аз нав наъл задан (кардан); **~ лóшадь** аспро аз нав наъл кардан 2. *кого* (*всех, многих*) наъл задан; **~ всех лошадéй** ҳамаи аспҳоро наъл кардан 3. *что* (*переделать ковкой*) аз нав куфта сохтан, куфта дигаргун кардан 4. *перен.* тамоман дигаргун кардан

перековéркать *сов. что разг.* 1. вайрон кардан, **~ фами́лию** фамилияро таҳриф кардан 2. (*всё, многое*) вайрон (хароб) кардан

перековéркивать *несов. см.* **перековéркать**

перекóвка *ж* (*по знач. гл.* **перековáть**) азнавнаълзанӣ, азнавнаълкунӣ; азнавкубӣ

перекóвывать *несов. см.* **перековáть**

перекóвываться *несов. страд.* аз нав наъл карда шудан

переколáчивать *несов. см.* **переколоти́ть**

переколáчиваться *несов.* 1. *см.* **переколоти́ться**; 2. *страд.* аз нав куфта шудан

переколоти́ть *сов. разг.* 1. *что* аз нав куфтан; ба ҷои дигар задан (мехкуб кардан); **~ вéшалку повы́ше** либосовезакро ба болотар задан 2. *что* (*всё, многое*) шикастан, майда-майда кардан, зада шикастан; **~ всю посýду** ҳамаи зарфҳоро зада шикастан 3. *кого* (*всех, многих*) задан, лат кардан, кӯфтан

переколоти́||ться *сов. разг.* (*о всём, многом*) шикастан, майда-майда шудан; **вся посýда ~лась** ҳамаи зарфҳо шикастанд

переколóть I *сов.* 1. *что* ба дигар ҷой ё ба тарзи дигар халондан (задан); **~ бант** бантро ба ҷои дигар [бо сарсузан] халондан 2. *что* (*всё, многое или во многих местах*) бисьёр халонда захмдор кардан; **~ пáльцы иго́лкой** ба ангуштон бисьёр сузан зада (халонда) захмдор кардан 3. *кого* зада куштан

переколóть II *сов. что* (*всё, многое*) шикастан, майда кардан, кафондан (*ҳезумро*); **~ все орéхи** ҳамаи чормағзҳоро шикастан

перекоми́сси||я *ж разг.* комиссияи дубора, тафтиши такрорӣ; **пройти́ ~ю** аз комиссияи (тафтиши) дубора гузаштан

перекóмкать *сов. что разг.* (*всё, многое*) ғиҷим кардан, кулула (лунда) кардан; **~ всё бельё** ҳамаи либосҳои тагро ғиҷим кардан

перекомпости́ровать *сов. что* аз нав компостер кардан (занондан); **~ билéт на другóй пóезд** билетро ба поезди дигар аз нав компостер занондан

переконопáтить *сов. что* сӯрохҳоро аз нав маҳкам кардан; **~ стéны** сӯрохҳои деворро аз нав маҳкам кардан

переконопáчивать *несов. см.* **переконопáтить**

переконструи́ровать *сов., несов. что* аз нав (ба тарзи нав) сохтан

перекопáть *сов. что* 1. аз нав гардондан, аз нав каланд (побел) кардан 2. (*всё, многое*) побел кардан; **~ все гря́дки** ҳамаи пуштаҳоро побел кардан 3. хандақ (чуқурӣ) кофтан; **~ дорóгу** дар сари роҳ хандақ кофтан

перекóпка *ж* (*по знач. гл.* **перекопáть**) каландкунӣ, побелкунӣ; **~ виногрáдников** каландкунии токзорҳо

перекопти́ть *сов. что* 1. (*заново*) аз нав дуд додан 2. (*слишком сильно*) аз ҳад зиёд дуландуд кардан, аз андоза зиёд дуд додан 3. (*всё, многое*) дуд додан, дар дуд нигоҳ доштан; **~ всю ры́бу** ҳамаи моҳиҳоро дуд додан

перекопти́||ться *сов.* аз ҳад зиёд дуд дода шудан, аз андоза зиёд дуд хурдан; **óкорок ~лся** гушти сони хук аз андоза зиёд дуд хурдааст

перекóрм *м см.* **перекармливание**

перекорми́ть *сов. кого* аз ҳад зиёд хӯрондан (хурок додан); **~ ребёнка** ба бача аз ҳад зиёд хурок додан

перекорóби||ть *сов. чаще безл. разг.* 1. *что* тоб хӯрондан, каҷ кардан; **дóску ~ло от сы́рости** тахта аз рутубат тоб хурдааст 2. *перен.* кароҳати

(нафрати) *касеро* овардан; **меня́ ~ло от его́ гру́бости** аз дағалии вай нафратам омад

перекоро́биться *сов. разг.* тоб партофтан (хӯрдан), хам (каҷу килеб) шудан

переко́ры *тк. мн. разг.* ҷанҷол, мунокиша, сарзанишҳои дутарафа

перекоря́ться *несов. разг.* якдигарро сарзаниш кардан, мунокиша кардан

перeко́с *м* (*по знач. гл.* **перекоси́ться** 1) каҷӣ, каҷшавӣ, тобхурӣ; ~ **две́ри** каҷии дар, тоб партофтани дар

перекоси́ть I *сов. разг.* **1.** *что* аз як сар дарав кардан, даравида тамом кардан, даравидан; ~ **все луга́** ҳамаи алафзорро даравидан **2.** *кого-что перен.* (*всех, многих*) қир кардан, куштан, нест (нобуд) кардан

перекоси||ть II *сов.* **1.** *что* каҷ кардан (шинондан), каҷу килеб кардан, каҷ мондан, яктарафа (яклаба) кардан; **~ть око́нную ра́му** чорчӯбан тирезаро каҷ шинондан **2.** *чаще безл. кого-что разг.* (*о лице, губах и т. п.*) каҷ шудан, бурма шудан; **его́ ~ло от бо́ли** аз шиддати дард рӯяш бурма шуд

перекоси||ться *сов.* **1.** каҷ шудан, каҷу килеб шудан, яктарафа (яклаба) шудан, тоб партофтан (хӯрдан); **скаме́йка ~лась** харак каҷ шудааст; **дверь ~лась** дар тоб партофтааст **2.** *перен. разг.* турш шудан, бурма шудан; **его́ лицо́ ~лось от бо́ли** рӯяш аз шиддати дард бурма шуд

перекочева́ть *сов. прям., перен.* кӯч кардан, кӯчидан; ~ **на но́вые па́стбища** ба чарогоҳҳои нав кӯчидан; ~ **на но́вую кварти́ру** *разг.* ба хонаи нав кӯчидан

перекочёвка *ж* (*по знач. гл.* **перекочева́ть**) (кӯчидан(ӣ), кӯчиш, кӯч; ~ **на ле́тние па́стбища** ба чарогоҳҳои тобистонӣ кӯчидан(и)

перекочёвывание *с см.* **перекочёвка**

перекочёвывать *несов. см.* **перекочева́ть**

перекошенн||ый, -ая, -ое **1.** *прич.* қаҷ кардашуда, каҷ мондашуда (шинондашуда) **2.** *прил.* каҷ, каҷу килеб, тобпартофта; **~ые две́ри** дарҳои тобпартофта // (*о лице, губах*) каҷу килеб, турш, бурма; **~ое от у́жаса лицо́** рӯи аз тарсу ваҳм каҷукилебшуда

перекра́ивание *с* (*по знач. гл.* **перекро́йть**) аз сари нав буридан(и)

перекра́ивать *несов. см.* **перекро́йть**

перекра́иваться *несов. страд.* аз сари нав бурида шудан

перекра́сить *сов. что* **1.** (*заново*) аз нав ранг кардан, ранги нав молидан; ~ **полы́** фарши хонаро аз нав ранг кардан **2.** (*всё, многое*) ранг кардан, ранг додан; ~ **все о́кна и две́ри** ҳамаи дару тирезаҳоро ранг кардан

перекра́ситься *сов.* **1.** ранги дигар гирифтан **2.** *перен. разг.* худро вонамуд кардан, худро бардурӯғ тарафдори касе (чизе) нишон додан

перекра́ска *ж см.* **перекра́шивание**; ~ **поло́в** азнаврангкунии фарши хона

перекрахма́ливать *несов. см.* **перекрахма́лить**

перекрахма́лить *сов. что* **1.** аз ҳад зиёд оҳор додан **2.** (*заново*) аз нав оҳор додан **3.** (*всё, многое*) оҳор додан, оҳорӣ кардан; ~ **все занаве́ски** ҳамаи пардаҳоро оҳор додан

перекра́шивание *с* (*по знач. гл.* **перекра́сить**) азнаврангкунӣ, ранги нав молидан(и)

перекра́шивать *несов. см.* **перекра́сить**

перекра́шиваться *несов.* **1.** *см.* **перекра́ситься; 2.** *страд.* аз нав ранг карда шудан

перекрести́ть *сов.* **1.** *кого-что рел.* салиб кашидан **2.** *кого разг.* (*при переходе в христианство*) аз нав ғусли таъмид додан, насронӣ (исавӣ) гардондан **3.** *кого-что в кого, во что, кем-чем разг.* номи (лақаби) нав додан **4.** *что разг.* (*расположить крест-накрест*) ба шакли салиб гузоштан, чиллик кардан // *чем* (*перевязать крест-накрест*) ба шакли салиб бастан, чорчиллик [карда] бастан // *чем* (*перечеркнуть*) хат задан, ботил кардан

перекрести||ться *сов.* **1.** ба худ салиб кашидан **2.** *разг.* (*при переходе в христианство*) ғусли таъмид кардан, насронӣ (исавӣ) шудан **3.** *разг.* якдигарро бурида гузаштан; **доро́ги ~лись** ду роҳ якдигарро бурида гузаштааст

перекрёстн||ый, -ая, -ое **1.** чапу чиллик, ба шакли салиб гузошташуда, буридагузашта **2.** *перен.* якбора аз чанд тараф ба амал оянда; **~ый допро́с** истинтоқи чандкаса (дутарафа); **~ый ого́нь** *воен.* тирпарронии чандтарафа ◇ **~ое опыле́ние** аз гул ба гул гузаштани гарди бордоркунанда; **~ый посе́в (сев)** кишти ба қадду бар; **~ая ри́фма** қофияи як дармиён

перекрёст||ок *м* чорраҳа ◇ **крича́ть на всех ~ках** дар ҳама ҷо ба ҳар кас нақл кардан, дар ҳар ҷо гуфта гаштан

перекреще́ние *с* (*по знач. гл.* **перекрести́ть** 4) ба шакли салиб гузоштан(и), чиллик кардан(и); (*по знач. гл.* **перекрести́ться** 3) чиллик шудан(и)

перекре́щивание *с* (*по знач. гл.* **перекрести́ть** 2—4) аз нав ғусли таъмид додан(и); номи нав додан(и); ба шакли салиб гузоштан(и); (*по знач. гл.* **перекрести́ться** 2, 3) аз нав ғусли таъмид кардан(и); якдигарро бурида гузаштан(и)

перекре́щивать *несов. см.* **перекрести́ть**

перекре́щиваться *несов.* **1.** *см.* **перекрести́ться; 2.** *страд.* номи нав дода шудан

перекри́кивать *несов. см.* **перекрича́ть**

перекри́киваться *несов. разг.* ба ҳамдигар садо додан

перекрича́ть *сов. кого-что* аз дигарон баландтар гап (фарьёд) задан

перекро́йть *сов. что* **1.** аз сари нав бурндан; ~ **костю́м** костюмро аз сари нав буридан // *перен. разг.* тамоман тағйир (дигаргун) кардан **2.** *разг.* (*всё, многое*) буридан; ~ **весь материа́л** тамоми матоъро буридан

перекро́й *м см.* **перекра́ивание**

перекро́йка *ж см.* **перекра́ивание**

перекромса́ть *сов. что разг.* реза-реза буридан, нодуруст бурида вайрон кардан

перекроши́ть *сов. что разг.* (*всё, многое*) майда-майда (реза-реза) кардан; ~ **весь хлеб** тамоми нонро реза кардан

перекроши||ться *сов. разг.* майда-майда (реза-реза) шудан; **всё печёнье ~лось** ҳамаи печенье реза-реза шуд

перекрути́ть *сов. что разг.* **1.** аз ҳад зиёд тофтан (тоб додан), бисьёр (сахт) тофтан; ~ **заво́д у часо́в** калиди соатро аз ҳад зиёд тофтан; ~ **кран водопрово́да** ҷуммаки водопроводро сахт тофта вайрон кардан // тоб дода шикастан, тофта ду бӯлак кардан; ~ **про́волоку** симро тоб дода шикастан **2.** (*перевязать*) бастан (*бо ресмон, бо канаб ва ғ.*); **3.** (*скрутить, спутать*) якҷоя тофтан, ба ҳамдигар печондан

перекрути||ться *сов. разг.* аз тофтани бисьёр вайрон шудан, тоб хӯрда вайрон шудан; **пружи́на у часо́в ~лась** пружинаи соат аз тобдиҳии сахт вайрон шуд // (*разломаться*) аз тофтани бисьёр шикастан, аз тофтани бисьёр ду бӯлак шудан; **про́волока ~лась** сим аз бисьёр тофтан шикаст **2.** (*повернуться вокруг*) чарх (давр) задан **3.** *перен.* (*вывернуться*) аз ягон вазъият халос шудан

перекру́чивание *с* (*по знач. гл.* **перекрути́ть**) бисьёр тофта вайронкунӣ, тоб дода шикастан(и), тофта дубӯлаккунӣ; (*по знач. гл.* **перекрути́ться**) аз бисьёр тофтан вайроншавӣ, аз бисьёр тофтан дубулакшавӣ; ~ **га́йки** бисьёр тофта вайрон кардани гайка

перекру́чивать *несов. см.* **перекрути́ть**

перекру́чиваться *несов.* **1.** *см.* **перекрути́ться; 2.** *страд.* бисьёр тофта вайрон карда шудан

перекрыва́ние *с см.* **перекры́тие** 1

перекрыва́ть *несов. см.* **перекры́ть**

перекрыва́ться *несов. страд.* аз нав пӯшонда шудан

перекры́тие *с* **1.** (*по знач. гл.* **перекры́ть**) аз нав пӯшондан(и); гузарондан(и); бастан(и); ~ **кры́ши** аз нав пӯшондани бом, бомпӯшонии дубора; ~ **пре́жнего реко́рда** аз рекорди пештара гузарондан(и); ~ **ру́сла реки́** банд кардани дарьё **2.** (*опора крыши*) болопӯши бом, болопушӣ; **черда́чное** ~ болопӯши чердак (зершервонӣ)

перекры́ть *сов.* **1.** *что* аз нав пӯшондан; ~ **дом** боми хонаро аз нав пӯшондан **2.** *что* (*всё, многое*) аз як сар пушондан **3.** *что разг. карт.* задан (*қартаи ҳарифро бо қартаи калонтар*) **4.** *кого-что перен.* гузарондан, задан; барзиёд иҷро кардан; ~ **пре́жний реко́рд** аз рекорди пеш-

тара гузарондан, рекорди авваларо задан; ~ план планро барзиёд иҷро кардан 5. *что* бастан, банд кардан; манъ кардан; ~ **вóду** пеши обро бастан; ~ **движéние** рафтуомадро манъ кардан

перекувыркивать(ся) *несов. см.* **перекувырнýть(ся)**

перекувырнýть *сов. кого-что разг.* чаппа (чаппагардон) кардан

перекувырнýться *сов. разг.* чаппа (чаппагардон) шудан; муаллак задан

перекупáть I *несов. см.* **перекупи́ть**

перекупáть II *сов. кого разг.* 1. аз ҳад зиёд оббозӣ кунондан, дар об зиёд нигоҳ доштан; ~ **ребёнка** бачаро дар об зиёд нигоҳ доштан 2. *(всех, многих)* оббозӣ кунондан (дорондан); ~ **всех детéй** ҳамаи бачагонро оббозӣ доронданд

перекупáться I *несов. страд.* харида шудан *(бо монеъ шудан ба харидикасе; дубора ё бо мақсади ҷаллобӣ)*

перекупáться II *сов. разг.* аз ҳад зиёд оббозӣ кардан

перекупи́ть *сов. что разг.* 1. *(перебить покупку)* савдои касеро вайрон карда харидан 2. *(скупить)* дубора харидан

перекýпка *ж (по знач. гл.* **перекупи́ть** 2) хариди дубора

перекупнóй, -áя, -óе *разг.* барои ҷаллобӣ харидашуда, ...и ҷаллобӣ; ~ **товáр** моли ҷаллобӣ

перекýпщик *м* ҷаллоб, ҳаннот

перекýпщица *женск. к* **перекýпщик**

перекýпывать *несов. см.* **перекупáть** II

перекýпываться *несов.* 1. *см.* **перекупáться** II; 2. *страд.* аз ҳад зиёд оббозӣ кунонда шудан

перекýр *м разг.* танаффуси тамокукашӣ; **объяви́ть** ~ барои тамокукашӣ танаффус эълон кардан

перекýривать *несов. см.* **перекури́ть**

перекури́ть *сов.* 1. аз ҳад зиёд тамоку кашида, ба худ зиён овардан 2. *что (всё, многое)* бисьёр тамоку кашидан, кашида тамом кардан; ~ **все папирóсы** ҳамаи папиросҳоро кашида тамом кардан 3. *разг. (во время отдыха)* танаффус карда тамоку кашидан

перекусáть *сов. кого-что (всех, многих)* аз як сар газидан

перекусá||ться *сов.* якдигарро газидан, ҷанг карда якдигарро газидан (хоидан); **собаки** ~**лись** сагҳо якдигарро хоиданд

перекуси́ть *сов.* 1. *что* газида кандан (пора кардан), газида ҷудо кардан, газида ду тақсим кардан; ~ **ни́тку** ресмонро газида кандан 2. *чего и без доп. разг.* шушбанд шудан, каме хурок хурдан; ~ **пéред дорóгой** пеш аз сафар шушбанд шуда гирифтан

перекýсывание *с (по знач. гл.* **перекуси́ть** 1) газида кандан(и), газида ҷудо (пора) кардан(и)

перекýсывать *несов. см.* **перекуси́ть**

перекýсываться *несов. страд.* газида канда шудан, газида ду тақсим (пора) карда шудан

перекýтать *сов. кого-что разг.* аз ҳад зиёд печондан, сахт печондан, пушоки бисьёр гарм пушондан; ~ **ребёнка** бачаро аз ҳад зиёд печондан

перекýтывать *несов. см.* **перекýтать**

перелáвливать *несов. см.* **перелови́ть**

перелагáть *несов. см.* **переложи́ть** 2, 7

перелагáться *несов. страд.* вогузор (ҳавола) карда шудан

перелáдить *сов. что обл.* аз нав соз (дуруст) кардан, ба тарзи дигар соз (дуруст) кардан

перелáживать *несов. см.* **перелáдить**

перелáз *м обл.* гузаргоҳи девори бофта *(чиғ, қаторак, чапарак)*

перелáзить I *сов. что прост. (всюду, во многих местах)* баромадан, часпида (печида) баромадан *(ба бисьёр ҷойҳо)*

перелáзить II *несов. прост. см.* **перелéзть**

перелакировать *сов. что* 1. аз нав (дубора) лок задан; ~ **шкаф** ҷевонро аз нав (дубора) лок задан 2. *(всё, многое)* лок задан, бо лок пардоз кардан; ~ **всю мéбель** ҳамаи мебельро лок задан

перелакирóвка *ж* азнавлокзанӣ, бо лок пардоздиҳӣ

перелакирóвывать *несов. см.* **перелакировáть**

перелáмывание *с (по знач. гл.* **переломáть** *и* **переломи́ть**) шикастан(и); ду булак кардан(и)

перелáмывать *несов. см.* **переломáть** *и* **переломи́ть**

перелáмываться *несов.* 1. *см.* **переломáться** *и* **переломи́ться** 2. *страд.* шикаста шудан

перележáл||ый, -ая, -ое *разг.* бисьёр истода вайроншуда; куҳнашуда, солгашт; ~**ое зернó** ғаллаи бисьёр истода вайроншуда, ғаллаи анборзада, ғаллаи солгашт

перележá||ть *сов.* 1. бисьёр хобидан (истодан); ~**ть на сóлнце** дар офтоб бисьёр хобидан 2. бисьёр истода вайрон шудан; **я́блоки** ~**ли** себҳо бисьёр истода вайрон шуд

перелезáть *несов. см.* **перелéзть**

перелéзть *сов. что, через что* гузаштан, часпида гузаштан; ~ **чéрез забóр** аз болои девор часпида гузаштан

перелéсок *м* чакалакзор, ҷангалча, бешаи хурди камдарахт

перелéсье *с обл.* марғзори байни ҷангал

перелёт *м* 1. *(по знач. гл.* **перелетéть**) парида гузаштан(и), паридаравӣ, парвоз, кӯчидан(и); ~ **птиц на юг** ба ҷануб парида рафтани паррандаҳо; **кругосвéтный** ~ парвози гирдогирди замин 2. *(непопадание в цель)* ҳадар рафтан(и), ба ҳадаф нарасидани тир

перелетáние *с см.* **перелёт**

перелетáть *несов. см.* **перелетéть**

перелетé||ть *сов.* 1. *что, через что и без доп.* парида гузаштан (рафтан), парвоз кардан, кучидан; ~**ть мóре** аз болои баҳр парида гузаштан; ~**ть чéрез гóры** аз болои кӯҳҳо парида гузаштан; **пти́цы** ~**ли с сéвера на юг** паррандаҳо аз шимол ба ҷануб парида рафтанд 2. *перен. (перепрыгнуть)* ҷаҳида гузаштан, паридан 3. парида дур рафтан; **снаря́д** ~**л** тири туп дур рафта ба ҳадаф нарасид

перелётн||ый, -ая, -ое паридараванда, кучанда, муҳоҷир; ~**ые пти́цы** мурғони кучанда

перелéчивать *несов. см.* **перелечи́ть**

перелéчиваться *несов.* 1. *см.* **перелечи́ться**; 2. *страд.* муолиҷа карда шудан

перелечи́||ть *сов. кого разг.* 1. *(всех, многих)* муолиҷа кардан // *(о всех, многих врачах)* паи ҳам (бо навбат) муолиҷа кардан; его ~**ли все извéстные врачи́ гóрода** ҳамаи духтурҳои машҳури шаҳр уро муолиҷа карданд 2. бо муолиҷаи зиёд ба оқибати ногувор гирифтор кардан; **больнóго** ~**ли** беморро бо муолиҷаи зиёд ба оқибати ногувор гирифтор карданд

перелечи́||ться *сов. разг.* аз муолиҷаи зиёд ба оқибати ногувор гирифтор шудан; **больнóй** ~**лся** аҳволи бемор аз дорую дармони бисьёр бад шуд

перелéчь *сов.* ҷои хобро тағьир додан (иваз кардан), аз як ҷо ба ҷои дигар гузашта ёзидан; ~ **с дивáна на кровáть** аз диван ба кат гузашта хобидан // дигар навъ дароз кашидан, дигар навъ хобидан; ~ **с одногó бóка на другóй** аз [як] паҳлу ба паҳлуи дигар гаштан

перели́в *м* 1. *(по знач. гл.* **перели́ть**) аз зарфе ба зарфи дигар рехтан(и); аз сари нав гудохтарезӣ 2. *(о красках)* тобиш, ҷило, мавҷ // *(о звуках)* марғула, танин

переливáние *с (по знач. гл.* **перели́ть**) аз зарфе ба зарфи дигар рехтан(и); аз нав гудохтарезӣ; *(по знач. гл.* **переливáться** *и* **перели́ться**) тобидан(и), тобиш доштан(и), ҷило додан(и), мавҷ задан(и); рехтан(и), резиш; ~ **крóви** хунгузаронӣ, гузарондани хуни як кас ба каси дигар; ~ **крáсок** тобиши рангҳо

переливáть *несов.* 1. *см.* **перели́ть**; 2. *см.* **переливáться** 2; ~ **всéми цветáми рáдуги** бо рангҳои мухталиф ҷило додан ◇ ~ **из пустóго в порóжнее** 1) бо ғалбер об кашондан; об дар ҳован кубидан 2) жожхой кардан

переливá||ться *несов.* 1. *см.* **перели́ться**; 2. *(о красках)* тобидан, тобиш доштан, ҷило додан, мавҷ задан; **снег** ~**ется в лучáх сóлнца** барф аз нури офтоб ҷило медиҳад // *(о звуках)* марғула задан, танин андохтан 3. *страд.* аз зарфе ба зарфе рехта (андохта) шудан

перели́вчат||ый, -ая, -ое *(перели́вчат, -а, -о) (о красках)* ҷилодор, мавҷдор, мавҷзананда, рангбаранг тобанда // *(о звуках)* марғуладор, ларзишдор, таниндор

перелиновáть *сов. что* 1. аз нав ҷадвал кашидан, аз сари нав рах кашидан 2. *(все, многое)* аз як сар ҷадвал кашидан (рах кашидан, раҳдор

кардан); ~ **всю бумагу** коғазҳоро (аз як сар) ҷадвал кашидан

перелинóвывать *несов. см.* **перелиновáть**

переліня||ть *сов. (о животных)* тулак кардан; пашми нав баровардан; **лиса ~ла** рубоҳ тулак кард // *(о птицах)* пари нав баровардан, тулак кардан

перелистáть *сов. что* варақ задан, варақ гардондан // *(бегло просмотреть)* варақ зада дидан

перелúстывать *несов. см.* **перелистáть**

перелúстываться *несов. страд.* гардонда шудан *(оид ба варақ)*

перелить *сов. что* 1. аз зарфе ба зарфи дигар рехтан (андохтан); ~ **молокó из чáшки в пиалý** ширро аз коса ба пиёла андохтан 2. *(налить сверх меры)* саршор (лабрез, лаболаб) кардан 3. *(отлить заново)* аз сари нав гудохта рехтан 4. *мед.* гузарондан; ~ **больнóму кровь** ба бемор хун гузарондан

перелиться *сов.* 1. аз зарфе ба зарфи дигар рехтан 2. саршор (лабрез) шудан

перелицевáть *сов. что* 1. ругардон кардан 2. *перен. разг.* дигаргун кардан, тағйир додан, намуди нав додан

перелицóванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ругардон кардашуда 2. *прил.* ругардоншуда; **~ое пальтó** пальтои ругардоншуда

перелицóвка *ж (по знач. гл.* **перелицевáть)** ругардонкунӣ; ~ **одёжды** ругардонкунии либос

перелицóвывание *с см.* **перелицóвка**

перелицóвывать *несов. см.* **перелицевáть**

перелицóвываться *несов. страд.* ругардон карда шудан

переловить *сов. кого-что (всех, многих)* сайд (шикор, дастгир) кардан; ~ **всю рыбу в прудý** ҳамаи моҳиҳои ҳавзро гирифтан

переложéни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **переложить** 7) ба тарзи дигар баёнкунӣ; ба шакли дигар мутобиқкунонӣ; **óпера в ~и для гóлоса и фортепьяно** операе, ки барои бо фортепьяно хондан мутобиқ кунонда шудааст 2. *уст. (пересказ)* нақли хаттии чизи хондашуда

переложить *сов. что* 1. ба ҷои дигар гузоштан, ба дигар ҷо мондан 2. *на кого-что* ба зиммаи (уҳдаи) *касе* гузоштан; ~ **свой обязанности на когó-л.** вазифаҳои худро ба зиммаи касе гузоштан; ~ **на плéчи когó-л., чьй-л., комý-л.** ба гардани каси дигар бор кардан *(мас. гунохро, ҷавобгариро)* 3. *чем* дар миёни (қабати, байни) *чизе* мондан (гудоштан); ~ **посýду солóмой** [дар] байни зарфҳо пахол гудоштан 4. ба тарзи дигар чида мондан, аз нав чидан; ~ **дровá штабелями** ҳезумро қатор-қатор чидан, ҳезумро сарҷин кардан // аз нав сохтан, ғалтонда аз нав сохтан; ~ **кáменную стéну** девори сангинро ғалтонда аз нав сохтан 5. *тж. чего разг.* аз ҳад зиёд андохтан; ~ **сóли в суп** ба шурбо аз ҳад зиёд (бисьёр) намак андохтан, шурборо шур кардан; ~ **пéрцу** аз ҳад зиёд қаламфур (мурч) андохтан 6. *тж. чего и без доп. прост. (выпить слишком много спиртного)* аз андоза зиёд нушидан 7. *муз., лит.* ба тарзи дигар баён (ифода) кардан; ~ **прóзу в стихи** насрро ба назм гардондан 8. *тж. кого уст. (перепрячь)* аспро аз сари нав ба ароба бастан; аспи аробаро иваз кардан

перелóжн||ый, -ая, -ое, *с.-х.* замини дам додашуда; **~ые зёмли** заминҳои дам додашуда

перелóм *м* 1. *(по знач. гл.* **переломить)** шиканиш, шикастан(и); 2. *(место)* ҷои шикаста 3. *мед.* шикасти устухон; **закрытый** ~ шикасти иоаёни устухон; **открытый** ~ шикасти аёни устухон 4. *перен.* дигаргунии қатъӣ, тағйироти куллӣ, таҳаввул, гардиш; ~ **в хóде болéзни** дигаргунии қатъии ҷараёни беморӣ; **нрáвственный** ~ тағйири ахлоқ

переломáть *сов. что (всё, многое)* шикастан, пора кардан

переломá||ться *сов. разг. (о всём, многом)* шикастан, шикаста нест шудан, пора (пора-пора) шудан; **все игрýшки ~лись** ҳамаи бозичаҳо шикастанд

переломить *сов. что* 1. шикастан, ду бул[ак] кардан; ~ **пáлку** чубро шикаста ду булак кардан; ~ **нóгу** пойро шикастан 2. *перен.* дигаргун кардан, тағйир додан; ~ **свой харáктер** феъли худро дигар кардан ◇ ~ **себя** 1) *(изменить поведение и т. п.)* феълу атвори худро дигар кардан (тағйир додан) 2) *(подавить в себе какое-л. чувство)* худро нигоҳ доштан, худдорӣ кардан, ҳиссеро фуру нишондан

перелом́и||ться *сов.* 1. шикастан, ду булак шудан; **кость ~лась** устухон шикаст 2. *перен. разг.* дигаргун шудан, тағйир ёфтан

перелóмный, -ая, -ое ...и дигаргунии қатъӣ, ...и тағйироти куллӣ, ...и таҳаввул, ...и гардиш; ~ **перйод** давраи дигаргунии катъӣ

перелопáтить *сов. что прост.* бо бел тит (тунук) кардан; ~ **влáжное зернó** ғаллаи тарро бо бел тунук кардан

перелóпа||ться *сов. разг. (о всем, многом)* кафидан, таркидан; **все стакáны ~лись** ҳамаи стаканҳо кафиданд

перелопачивание *с (по знач. гл.* **перелопáтить)** бо бел титкунӣ (тунуккунӣ)

перелопáчивать *несов. см.* **перелопáтить**

перелудить *сов. что* 1. *(заново)* аз нав қалъагӣ давондан, дубора бо қалъагӣ сафед кардан; ~ **таз** таштро (лаганро) аз нав сафед кардан 2. *(всё, многое)* қалъагӣ давондан, бо қалъагӣ сафед кардан; ~ **всю посýду** ҳамаи зарфҳоро қалъагӣ давондан

перелýживать *несов. см.* **перелудить**

перемáзать *сов.* 1. *что (заново)* аз нав молидан; ~ **окóнные рáмы** ба чорчубаҳои тиреза аз нав ранг молидан 2. *что (всё, многое)* молидан 3. *кого-что разг. (перепачкать)* олондан, олуда (чиркин, ифлос) кардан

перемáзаться *сов. разг.* олуда шудан, худро олондан

перемáзывание *с (по знач. гл.* **перемáзать)** аз нав молидан(и)

перемáзываться *несов.* 1. *см.* **перемáзаться**; 2. *страд.* аз нав молида шудан

перемáлывание *с (по знач. гл.* **перемолóть)** ордкунӣ, ордкашӣ; аз нав ордкашӣ, аз нав куфтан(и)

перемáлывать *несов. см.* **перемолóть**

перемáлываться *несов.* 1. *см.* **перемолóться**; 2. *страд.* аз нав куфта шудан

перемáнивать *несов. см.* **переманить**

переманить *сов. кого-что разг.* аз роҳ зада ба худ кашидан (ҷалб кардан)

перемарáть *сов. что* 1. *прост.* олондан, олуда (чиркин, ифлос) кардан; ~ **рýки чернилами** дастҳоро сиёҳиолуд кардан 2. *разг.* кур кардан, бисьёр хат задан

перемарáться *сов. прост.* худро олондан, олуда (чиркин, ифлос) шудан

перемáрывать *несов. см.* **перемарáть**

перемáрываться *несов.* 1. *см.* **перемарáться**; 2. *страд.* олонда шудан

перемáтывание *с (по знач. гл.* **перемотáть)** аз чизе ба чизи дигар печондан(и); азнавпечонӣ; ~ **ниток** печондани ресмон

перемáтывать *несов. см.* **перемотáть**

перемáтываться *несов. страд.* аз чизе ба чизи дигар печонда шудан

перемáхивать *несов. см.* **перемахнýть**

перемахнýть *сов. разг.* 1. *что, через что и без доп.* ҷаҳида гузаштан, хез зада гузаштан, парида гузаштан; ~ **чéрез забóр** аз [болои] девор хез зада гудаштан 2. фавран кучидан, дарраа (зуд) рафтан; ~ **в другóй гóрод** зуд ба шаҳри дигар кучидан

перемáчивание *с (по знач. гл.* **перемочить)** аз ҳад зиёд дар об нигоҳ доштан(и)

перемáчивать *несов. см.* **перемочить**

перемáчиваться *несов. страд.* аз ҳад зиёд дар об нигоҳ дошта шудан

перемáщивать *несов. см.* **перемостить**

перемáщиваться *несов. страд.* аз нав фарш карда шудан

перемежáть *несов. что чем, с чем* ба навбат (навбат ба навбат) коре кардан; ~ **рабóту с óтдыхом** бо навбат кор ва истироҳат кардан

перемежá||ться *несов. чем, с чем* бо навбат ба амал омадан; иваз шудан; **снег ~лся с грáдом** гоҳ барф меборид, гоҳ жола

перемежáющ||ийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* бо навбат шаванда 2. *прил.* ба навбат (бо фосила) баамалоянда, ивазшаванда; **~аяся лихорáдка** ма[illegible] вараҷаи руздармиён

перемежевáть *сов. что* 1. аз нав марза кашидан, аз нав ҳад гузоштан; ~ **з[illegible]лю** заминро дубора марза кашидан 2. *(всё, многое)* марза кашидан, ҳад гузоштан

перемежевáться *сов.* заминҳои х[illegible] аз нав марза кашидан

перемежёвка *ж* (*по знач. гл.* **перемежевать**) аз нав марзакашӣ; (*по знач. гл.* **перемежеваться**) аз нав марза кашидани заминҳо

перемежёвывать *несов. см.* **перемежевать**

перемежёвываться *несов.* 1. *см.* **перемежеваться**; 2. *страд.* аз нав марза кашида шудан

переме́на *ж* 1. (*по знач. гл.* **перемени́ть**) иваз кардан(и); тағйирдиҳӣ, табдил; (*по знач. гл.* **перемени́ться**) дигаргуншавӣ, тағйирьёбӣ; ~ **кли́мата** тағйири обу ҳаво; **социальные переме́ны** тағйироти иҷтимоӣ; **с ним произошла больша́я** ~ вай хеле дигар шудааст, вай тамоман тағйир ёфтааст 2. *разг.* (*комплект белья и т. п.*) як даста сарулибос 3. танаффус; **больша́я** ~ танаффуси калон ◇ ~ **декораций** дигар шудани шароит (вазъият, кор *ва ғ.*)

перемени́ть *сов.* 1. *что* иваз (бадал) кардан; ~ **книгу в библиоте́ке** китобро дар китобхона иваз кардан 2. *кого-что* (*изменить*) дигар кардан, тағйир (табдил) додан

перемени́||ться *сов.* 1. дигар (дигаргун) шудан, тағйир ёфтан; **жизнь** ~**лась** зиндагӣ тағйир ёфт; **те́ма разгово́ра** ~**лась** мавзӯи суҳбат дигар шуд; **он** ~**лся в лице́** ранги рӯи у тағйир ёфт // *к кому-чему, с кем-чем* муомилаи худро (муносибати худро) дигар кардан 2. *чем разг.* иваз кардан, табдил додан; ~ **ролями** нақшҳоро [байни худ] иваз кардан; ҷои ҳамдигарро гирифтан

переме́нка *ж разг. см.* **переме́на** 3

переме́нн||ый, -ая, -ое тағйирьёбанда, дигаршаванда, ивазшаванда; нопойдор, мухталиф; ~**ая пого́да** ҳавои мухталиф; ~**ая величина́** *мат.* андозаи тағйирьёбанда; ~**ый капитал** *эк.* капитали тағйирьёбанда (*он ҳиссаи капитал, ки барои кирои кардани қувваи коргари сарф мешавад*); ~**ый ток** *физ.* ҷараёни тағйирьёбандаи электрик

переме́нчивость *ж разг.* тағйирьёбандагӣ, нопойдорӣ, мухталифӣ; ~ **пого́ды** мухталифии ҳаво

переме́нчив||ый, -ая, -ое (переменчив, -а, -о) *разг.* дигаршаванда, тағйирьёбанда, ивазшаванда; нопойдор, мухталиф; ~**ая пого́да** ҳавои мухталиф (бесубот)

переменя́ть *несов. разг. см.* **перемени́ть**

переменя́ться *несов. разг.* 1. *см.* **перемени́ться**; 2. *страд.* дигар карда шудан

переме́р *м* (*по знач. гл.* **переме́рить** 1) аз нав андозакунӣ, аз нав ченкунӣ; аз нав баркашидан(и); ~ **зерна́** аз нав баркашидани ғалла

перемерза́ть *несов. см.* **перемёрзнуть**

перемёрз||нуть *сов.* 1. *разг.* бисьёр (сахт) хунук хурдан, шах (карахт) шудан; **он перемёрз в доро́ге** вай дар роҳ сахт хунук хурд 2. *разг.* (*о всех, многих, о всём, многом*) аз хунуки нобуд шудан; **все цветы** ~**ли** ҳамаи гулҳоро хунук зад 3. (*о водоёмах*) тамоман ях кардан (бастан); **о́зеро** ~**ло** кул тамоман ях баст

переме́риванне *с* (*по знач. гл.* **переме́рить**) аз нав андозакунӣ, аз нав ченкунӣ; аз як сар андоза (чен) кардан(и)

переме́ривать *несов. см.* **переме́рить**

переме́риваться *несов. страд.* аз нав андоза карда шудан

переме́рить *сов. что* 1. аз нав андоза (чен, улчак) кардан, аз нав баркашидан; ~ **площа́дку** майдончаро аз нав чен кардан; ~ **зерно́** ғалларо аз нав баркашидан 2. аз нав пушида дидан, аз нав пушида андоза кардан; ~ **костю́м** костюмро аз нав пушида дидан 3. (*всё, многое*) аз як сар андоза (чен, улчак) кардан; ~ **всю посевну́ю пло́щадь** заминҳои корамро аз як сар чен кардан 4. (*всё, многое*) аз як сар пушида дидан, аз як сар пушида андоза кардан; ~ **все пла́тья** ҳамаи куртаҳоро аз як сар пушида дидан

перемеря́ть *несов. разг. см.* **переме́рить**

перемеси́ть *сов. что* 1. сириштан, омехтан, аралаш кардан, мушт кардан; ~ **те́сто** хамирро сириштан (мушт кардан) 2. аз нав (дубора) сириштан

перемести́ть *сов. кого-что* 1. аз ҷое ба ҷое гузарондан, ба ҷои дигар мондан, ҷой иваз кардан; ~ **ме́бель** ҷои мебельро дигар кардан 2. ба вазифаи дигар гузарондан; ~ **на другу́ю рабо́ту** ба кори дигар гузарондан

перемести́ться *сов.* ба ҷои дигар гузаштан, ҷой иваз кардан, дар маҳаллн дигар ҷой гирифтан; тағйири макон кардан; гузаштан, кучидан

перемёт *м* 1. *рыб.* перемёт, тури моҳигирӣ 2. *обл.* (*поперечная балка*) болори (чӯби) кундаланг 3. *обл.* (*сугроб*) барфтуда

перемета́ть I *сов. что с.-х.* 1. тит карда аз сари нав ғарам кардан, аз нав туда (туб) кардан; ~ **стог се́на** ғарами хасбедаро тит карда аз нав туб кардан 2. (*всё, многое*) ғарам (туб, туда) кардан; ~ **всю соло́му в стога** ҳамаи каҳро ғарам кардан

перемета́ть II *сов. что* 1. аз нав кук (хомдузӣ) кардан; ~ **платье** куртаро хомдузӣ кардан 2. аз нав канора (зеҳ) духтан; ~ **пе́тлю** ба сурохи тугма аз нав зеҳ духтан 3. (*всё, многое*) аз як сар кук (хомдӯзӣ) кардан

переме́тить *сов. что* 1. аз нав нишона кардан, аз нав нишона мондан, дигар хел нишона кардан; ~ **носовы́е платки́** нишонаҳои даструмолчаҳоро дигар кардан 2. (*всё, многое*) нишона кардан, нишона мондан; ~ **все бельё** ба ҳамаи ҷомашӯиҳо нишона мондан

перемётка I *ж* (*по знач. гл.* **перемета́ть** I) тит карда аз нав ғарам кардан(и)

перемётка II *ж* (*по знач. гл.* **перемета́ть** II) аз нав кук (хомдузӣ) кардан(и); ~ **рукаво́в** аз нав хомдузӣ кардани остинҳо

переметну́ть *сов. что прост.* ҳаво додан, партофтан, андохтан; ~ **ка́мень че́рез забо́р** сангро ба пушти девор ҳаво додан

переметну́ться *сов. разг.* ба тарафи душман гузаштан, хиёнат кардан; ~ **к врагам** ба тарафи душманон гузаштан

перемётн||ый, -ая, -ое 1. *рыб.* ...и тури моҳигирӣ; ~**ый крючо́к** шасти тури моҳигирӣ 2. дутарафа, ба ду тараф партофташаванда; ~**ая су́мка** хурҷин ◇ **сума́** ~**ая** ҳардамхаёл

перемётывание I, II *с см.* **перемётка** I, II

перемётывать I *несов. см.* **перемета́ть** I *и* **переметну́ть**

перемётывать II *несов. см.* **перемета́ть**

перемётываться I *несов.* 1. *см.* **переметну́ться**; 2. *страд.* аз нав ғарам карда шудан

перемётываться II *несов. страд.* аз нав хомдузӣ карда шудан

перемечать, переме́чивать *несов. см.* **переме́тить**

перемеша́ть *сов. что* 1. омехтан, аралаш кардан, махлут кардан; ~ **цеме́нт с песко́м** цементро бо рег омехтан 2. кофтан, аралаш (тит) кардан; ~ **у́гли в пе́чке** алави печкаро тит кардан 3. аралаш (титу парешон) кардан, бетартиб кардан, дарҳам-барҳам кардан; ~ **все бума́ги** ҳамаи коғазҳоро бетартиб кардан 4. *разг.* (*принять одно за другое*) саҳв кардан

перемеша́||ться *сов.* 1. омехта шудан, аралаш (махлут) шудан; **мука** ~**лась с крупо́й** орд бо ярма аралаш шуд 2. аралаш (титу парешон) шудан, бетартиб шудан, дарҳам-барҳам шудан; **все бума́ги** ~**лись** ҳамаи коғазҳо бетартиб шуданд 3. *перен.* гаранг шудан; **в голове́ у меня всё** ~**лось** сарам гаранг шуд

переме́шивание I *с* (*по знач. гл.* **перемеси́ть**) сириштан(и), омехтан(и), махлут кардан(и)

переме́шивание II *с* (*по знач. гл.* **перемеша́ть**) омезиш, аралашкунӣ

переме́шивать I *несов. см.* **перемеси́ть**

переме́шивать II *несов. см.* **перемеша́ть**

переме́шиваться I *несов. страд.* сиришта шудан

переме́шиваться II *несов.* 1. *см.* **перемеша́ться**; 2. *страд.* омехта шудан

перемеща́ть *несов. см.* **перемести́ть**

перемеща́ться *несов.* 1. *см.* **перемести́ться**; 2. *страд.* аз ҷое ба ҷое гузаронда шудан

перемеще́ние *с* (*по знач. гл.* **перемести́ть**) аз ҷое ба ҷое гузарондан(и), ба ҷои дигар мондан(и), тағйири маҳал; (*по знач. гл.* **перемести́ться**) ба ҷои дигар гузаштан(и), ҷойивазкунӣ, тағйири макон, тағйири маҳал; кучидан(и); ~ **по слу́жбе** ба вазифаи дигар гузаштан(и); ~ **ру́сла реки́** тағйири маҷрои дарьё

перемещённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* гузарондашуда 2. *в знач. сущ.* **перемещённые** *мн. то же, что* ~**ые лица** ◇ ~**ые лица** зуран кучондашудагон

(шахсоне, ки аз тарафи фашистони немис дар вақти ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз мамлакатҳои муваққатан забт карда зуран ба Германия бурда шудаанд ва баъд аз ҷанг дар мамлакатҳои гуногуни хориҷӣ мондаанд)

перемигиваться *несов. см.* **перемигнуться**

перемигнуться *сов. разг.* чашмак задан, чашмакӣ кардан; бо чашм ишора кардан

переминать *несов.* 1. *см.* **перемять**; 2. *что* ғиҷим (миҷиқ) кардан; ~ **в руках платок** румолро ғиҷим кардан

переминаться *несов.* 1. *см.* **перемяться**; 2. *разг.* дудила шуда (хиҷолат кашида) монугир по мондан ◇ ~ **с ноги на ногу** *то же, что* **переминаться** 2; 3. *страд.* ғиҷим карда шудан

перемирие *с* муторика, сулҳи муваққатӣ; **заключить** ~ сулҳи муваққатӣ кардан

перемирить *сов. кого разг. (всех, многих)* оштӣ додан, сулҳ, кунондан

перемириться *сов. разг. (о всех, многих)* оштӣ шудан (кардан), сулҳ кардан

перемножать *несов. см.* **перемножить**

перемножаться *несов. страд.* зарб зада шудан

перемножить *сов. что* зарб задан

перемогать *несов. что разг.* тоқат (бардошт) кардан, тоб овардан

перемогаться *несов.* 1. *разг.* тоқат (бардошт) кардан, тоб овардан 2. *прост. (преодолевать нужду)* камбағалона умр ба сар бурдан

перемокать *несов. см.* **перемокнуть**

перемок||нуть *сов. разг.* тамоман тар шудан, шилтик (шип-шилта) шудан; ~**нуть под дождём** дар таги борон шип-шилта шудан; **все вещи** ~**ли** ҳамаи чизҳо тар шуд

перемол *м (по знач. гл.* **перемолоть** 1) ордкунӣ, ордкашӣ; **пустить зерно в** ~ ғалларо барои ордкашӣ додан

перемалачивание *с (по знач. гл.* **перемолотить**) куфтан(и), хирманкубӣ; аз нав куфтан(и)

перемалачивать *несов. см.* **перемолотить**

перемалачиваться *несов. страд.* аз нав куфта шудан

перемолвить *сов.*: ~ **слово с кем-л.** *разг.* бо касе гап задан, гуфтугу кардан; **не с кем слова** ~ касе нест, ки бо вай ду даҳан гап занӣ

перемолвиться *сов. с кем разг.* бо ҳамдигар гап задан, гуфтугӯ (сӯҳбат) кардан; ~ **несколькими словами с соседом** бо ҳамсоя якчанд калима гап задан

перемолот *м (по знач. гл.* **перемолотить** 1) куфтан(и), хирманкубӣ

перемолотить *сов. что* 1. *(всё, многое)* кӯфтан, хирман куфтан; ~ **всё зерно** тамоми ғалларо кӯфтан 2. *(заново)* аз нав куфтан

перемолоть *сов. что* 1. *(всё, многое)* орд кардан (кашидан); ~ **всё зерно** тамоми ғалларо орд кардан 2. *(заново)* аз нав орд кардан (кашидан)

перемоло||ться *сов.* орд шудан; **вся пшеница** ~**лась** ҳамаи гандум орд шуд

перемонтаж *м* монтажи дубора, таркибдиҳии дубора

перемонтирование *с (по знач. гл.* **перемонтировать**) азнавмонтажкунӣ, азнавтаркибдиҳӣ, азнавдурусткунӣ

перемонтировать *сов. что* аз нав монтаж кардан, аз нав таркиб додан, аз нав дуруст кардан; ~ **фильм** фильмро аз нав монтаж кардан

перемонтировка *ж см.* **перемонтирование**

перемораживать *несов. см.* **переморозить**

переморить *сов. кого (всех, многих)* ҳалок кардан, куштан, нобуд (нест) кардан

переморозить *сов. кого-что разг. (всех, многих, всё, многое)* хунук занондан, хунук (сармо) хурондан, ях кунондан; ~ **капустную рассаду** кучати карамро хунук занондан

перемостить *сов. что* 1. аз нав фарш кардан; ~ **улицу камнем** кучаро аз нав сангфарш кардан 2. *(всё, многое)* фарш кардан; ~ **все улицы** тамоми кучаҳоро фарш кардан

перемотать *сов. что* 1. аз чизе ба чизи дигар печондан 2. *(заново)* аз нав печондан 3. *(всё, многое)* печондан; ~ **все нитки на шпульки** ҳамаи ресмонро ба нойча печондан

перемотка *ж см.* **перематывание**; ~ **ниток** ресмонпечонӣ

перемоточный, -ая, -ое ...и печониш, ...и печондан(и); ~ **цех** цехи печондани чизе

перемочить *сов. что* 1. *(всё, многое)* тар кардан, шип-шилта кардан; ~ **всю одежду** ҳамаи либосро тар кардан 2. аз ҳад зиёд дар об нигоҳ доштан, обгазид кардан, дар об бисёр монда бадсифат кардан; ~ **лён** зағирпояро дар об бисёр монда бадсифат кардан

перемочь(ся) *сов. прост. см.* **перемогать(ся)**

перемудрить *сов. разг.* бисёр донотарошӣ (оқилтарошӣ, алломагӣ, маҳмадоноӣ) кардан

перемутить *сов. разг.* 1. *что* лойолуд (гилолуд, тира) кардан, лой (гил) кардан; ~ **воду** обро гилолуд кардан 2. *кого-что (всех, многих)* ба ҳаяҷон овардан, ба изтироб (ба ташвиш) андохтан; ~ **всех** ҳамаро ба ҳаяҷон овардан

перемути||ться *сов. разг.* лойолуд (гилолуд, тира) шудан, лой шудан; **вода** ~**лась** об лой шуд

перемучить *сов. кого* 1. *(всех, многих)* озор (азоб, азият) додан 2. *прост. разг.* сахт озор (азоб, азият) додан, беҳолу бемадор кардан

перемучиться *сов. разг.* сахт азоб дидан, азобу уқубат кашидан, беҳолу бемадор шудан

перемывать *несов. см.* **перемыть** ◇ ~ **косточки кому-л.** ғайбати касеро кардан

перемываться *несов.* 1. *см.* **перемыться**; 2. *страд.* аз нав шуста шудан

перемыть *сов. кого-что* 1. аз нав шустан, дубора (боз) шустан; ~ **пол** фарши хонаро аз нав шустан 2. *(всё, многое, всех, многих)* шустушу кардан, оббозӣ кунондан; ~ **детей** бачаҳоро оббозӣ кунондан; ~ **всю посуду** ҳамаи зарфҳоро шустан

перемы||ться *сов.* 1. аз нав худро шустушу кардан, дубора оббозӣ кардан 2. *(о всех, многих)* шустушу (оббозӣ) кардан; **все** ~**лись** ҳама оббозӣ карданд

перемычка *ж* 1. *(перехват)* пайвандкунак, банд 2. *(заграждение)* банд, девори обногузар, садд 3. *стр.* тоқ, равоқ

перемятый, -ая, -ое 1. *прич.* ғиҷим кардашуда 2. *прил.* ғиҷимшуда

перемять *сов. что* 1. аз як сар ғиҷим (миҷиқ, пачақ) кардан; поймол кардан; ~ **траву** алафро поймол кардан 2. аз нав ғиҷим кардан; аз нав пой зада омехтан; дубора лат додан; ~ **глину** лойро пой зада омехта кардан

перемя||ться *сов.* ғиҷим (миҷиқ, пачақ) шудан; **вся одежда** ~**лась** тамоми либосҳо ғиҷим шуданд

переналадить *сов. что* аз нав дуруст кардан

переналадка *ж (по знач. гл.* **переналадить**) аз нав дуруст кардан(и)

переналаживание *с см.* **переналадка**; ~ **технических средств** аз нав дуруст кардани воситаҳои техникӣ

переналаживать *несов. см.* **переналадить**

переналаживаться *несов. страд.* аз нав дуруст карда шудан

перенапрягать *несов. см.* **перенапрячь**

перенапрягаться *несов.* 1. *см.* **перенапрячься**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд таранг карда шудан

перенапряжение *с* 1. *(по знач. гл.* **перенапрячь**) аз ҳад зиёд тарангкунӣ, аз андоза зиёд шиддатноккунӣ; *(по знач. гл.* **перенапрячься**) аз ҳад зиёд тарангшавӣ, аз андоза зиёд шиддатьёбӣ; аз ҳад зиёд зурзанӣ 2. *эл.* шиддати баланди қувваи электр

перенапрячь *сов. что* аз ҳад зиёд таранг кардан, аз андоза зиёд шиддатнок кардан; ~ **мышцы** мушакҳоро аз ҳад зиёд таранг кардан

перенапрячься *сов.* аз ҳад зиёд таранг шудан, аз андоза зиёд шиддат ёфтан; аз ҳад зиёд зур задан

перенаселение *с* барзиёдии (зиёдатии) аҳолӣ

перенаселённость *ж* барзиёдии (аз ҳад зиёд шудани) аҳолӣ, сераҳолӣ будан(и); ~ **квартиры** серодамии манзил

перенаселённый, -ая, -ое 1. *прич.* аз ҳад зиёд серодам кардашуда 2. *прил.* ...и аҳолиаш барзиёд, сераҳолӣ, серодам; ~ **дом** хонаи серодам

перенаселить *сов. что* аз ҳад зиёд одам шинондан, бисёр сераҳолӣ кардан, пури одам кардан, бисьёр одам даровардан; ~ **квартиру** хонаро пури одам кардан

перенаселять *несов. см.* **перенаселить**

перенасытить *сов. что* аз ҳад зиёд сер (ғализ, пур) кардан; ~ **раствор**

солью маҳлули намакро ғализ кардан

перенасы́титься *сов.* аз ҳад зиёд сер (ғализ, пур) шудан

перенасыща́ть *несов. см.* **перенасы́тить**

перенасыща́ться *несов.* 1. *см.* **перенасы́титься**; 2. *страд.* ғализ карда шудан

перенасыще́ние *с* (*по знач. гл.* **перенасы́тить**) аз ҳад зиёд серкунӣ, ғализкунӣ; (*по знач. гл.* **перенасы́титься**) аз ҳад зиёд сершавӣ (пуршавӣ), ғализшавӣ; ~ **во́здуха водяны́ми пара́ми** аз ҳад зиёд сербухор шудани ҳаво

перенасы́щенный, -ая, -ое 1. *прич.* ғализ кардашуда 2. *прил.* ғализ; ~ **раство́р со́ли** маҳлули ғализи намак, намакоби ғализ

перена́шивать *несов. см.* **переноси́ть** II

перенесе́ние *с* (*по знач. гл.* **перенести́**) бардошта бурдан(и), бардошта овардан(и), кашондан(и), ба ҷои дигар гузарондан(и); ба вақти дигар монондан(и); ~ **де́ла в суд** ба суд гузарондани кор; ~ **на но́вый срок** ба муҳлати дигар монондан(и)

перенести́ *сов.* 1. *кого-что* аз ҷое ба ҷое бурдан, бардошта бурдан (овардан), кашондан, гузарондан; ~ **ребёнка че́рез руче́й** бачаро бардошта аз ҷуй гузарондан; ~ **дрова́ с у́лицы в сара́й** хезумро аз кӯча ба хезумхона кашондан // *разг.* бардошта бурдан, тез бурдан; **конь ми́гом перенёс его́ че́рез по́ле** асп уро дар як дам аз дашт гузаронда бурд // *перен.* бурдан; сайр кунондан; **мы́сли перенесли́ его в бу́дущее** фикру хаёл уро ба сайри оянда бурданд 2. *что* кучондан; ~ **столи́цу в друго́й го́род** пойтахтро ба шаҳри дигар кучондан; ~ **сара́й пода́льше от до́ма** хезумхонаро ба ҷои дуртар аз хона кучондан 3. *что (направить)* равона кардан; ~ **ого́нь артилле́рии в тыл проти́вника** оташи тупҳоро ба ақибгоҳи душман равона кардан // *(распространить)* вусъат додан, ҷорӣ кардан; ~ **передовы́е ме́тоды труда́ на все предприя́тия** усулҳои пешқадами меҳнатро дар тамоми муассисаҳо ҷорӣ кардан // *(приурочить)* мувофиқ кунондан, оид кардан, нисбат додан, мутааллиқ гардондан, гузарондан; ~ **де́йствие рома́на в про́шлое** воқеаҳои романро ба замонҳои гузашта оид кардан 4. *что* ба вақти дигар мавқуф гузоштан, ба вақти дигар монондан, муҳлати дигар таъин кардан; ~ **собра́ние на друго́й день** маҷлисро ба рузи дигар монондан 5. *что* кучондан, ба сатри дигар гузарондан; ~ **после́дний слог** хиҷои охирро ба сатри дигар гузарондан 6. *что* кучондан, гузарондан; ~ **чертёж на ка́льку** нақшаро ба руи коғази шаффоф гузарондан; ~ **исправле́ния в ру́копись** тасҳеҳотро ба дастнавис гузарондан 7. *что* таҳаммул кардан, аз сар гузарондан, тоқат кардан, тоб овардан; ~ **тяжёлую боле́знь** касалии сахтро аз сар гузарондан; **он не мог** ~ **э́того уда́ра** у ба ин зарба тоб оварда натавонист

перенести́сь *сов.* 1. *разг.* зуд аз ҷое ба ҷое гузаштан (омадан) 2. *перен.* ба ёд (ба хаёл) овардан, ба худ тасаввур кардан; **мы́сленно** ~ **в де́тские го́ды** фикран ба сайри айёми бачагӣ рафтан

перениза́ть *сов. что* 1. аз нав шадда (ҳамел) кардан, дубора ба ришта кашидан 2. *(всё, многое)* шадда (ҳамел) кардан, ба ришта кашидан (гузарондан); ~ **все грибы́** ҳамаи занбуруғҳоро ҳамел кардан

прени́зывать *несов. см.* **перениза́ть**

перенима́ние *с* (*по знач. гл.* **переня́ть**) тақлид (қабул) кардан(и), азхудкунӣ, [аз касе] ёд гирифтан(и)

перенима́ть *несов. см.* **переня́ть**

перено́с *м* 1. (*по знач. гл.* **перенести́** 1—6) бардошта бурдан(и), бардошта овардан(и), кучондан(и), кашондан(и), гузарондан(и), монондан(и); ~ **багажа́** бардошта бурдани (овардани) бағоҷ 2. *(знак)* аломати кучониши қисми калима

переноси́ть I *несов. см.* **перенести́** ◇ **не** ~ *кого-чего* тоқат накардан; бад дидан

переноси́ть II *сов. что* 1. кисм-кисм якчанд маротиба кашондан (бурдан, овардан, гузарондан); ~ **все ве́щи в ваго́н** ҳамаи чизҳоро кисм-кисм ба вагон бурдан 2. *разг. (износить много чего-л.)* пушида кухна кардан 3. *(о беременной)* муҳлати зоишро (зоиданро) гузарондан

переноси́ться *несов.* 1. *см.* **перенести́сь**; 2. *страд.* гузаронда шудан

перено́сиц||а *ж* қантараки бинӣ, [ҷои борики] устухони бинӣ, ҳиссаи болоии бинӣ; **бро́ви, сро́сшиеся на** ~**е** абрувони пайваста

перено́ска *ж* (*по знач. гл.* **перенести́** 1) бардошта бурдан(и), бардошта овардан(и), кашондан(и); ~ **гру́зов** кашонда бурдани (овардани) бор

переносно́й, -а́я, -о́е *см.* **перено́сный** 1

перено́сность *ж* маҷозӣ будан(и); ~ **значе́ния** маҷозӣ будани маъни

перено́сн||ый, -ая, -ое 1. аз ҷое ба ҷое гузарондашаванда, кучондашаванда; ~**ая ла́мпа** лампаи аз ҷое ба ҷое гузарондашаванда 2. маҷозӣ, мустаор; ~**ое значе́ние сло́ва** маънои маҷозии калима; **в** ~**ом смы́сле** маҷозан, ба маънои маҷозӣ

перено́счик *м* 1. гузаронанда, кашонанда, кучонанда 2. гузаронанда, паҳнкунанда, кунонанда; **кома́р** — ~ **маляри́и** хомӯшак паҳнкунандаи вараҷа аст

перено́сье *с см.* **перено́сица**

переночева́ть *сов. что и без доп.* шаб гузарондан, хоб кардан, хобидан; ~ **в гостя́х** меҳмони шабхорав шудан

перенумерова́ть *сов. что* 1. *(заново)* аз нав рақам мондан (гузоштан) 2. *(всё, многое)* рақам мондан (гузоштан)

перенумеро́вывать *несов. см.* **перенумерова́ть**

перенумеро́вываться *несов. страд.* аз нав рақам гузошта шудан

переню́хать *сов. что разг. (всё, многое)* бӯидан, буй кашидан, бӯй кардан, шамидан; ~ **все цветы́** ҳамаи гулҳоро як-як бӯидан

перенюхивать *несов. см.* **переню́хать**

переня́ть *сов. что* тақлид (қабул) кардан, аз худ кардан, аз касе ёд гирифтан; ~ **поле́зный о́пыт** таҷрибаи муфиди дигаронро ёд гирифтан

переобору́дование *с* (*по знач. гл.* **переобору́довать**) азнавтаҷҳизкунӣ, аз нав таҷҳизондан(и); ~ **це́ха** азнавтаҷҳизкунии цех

переобору́довать *сов., несов. что* аз нав таҷҳиз кардан, аз нав таҷҳизонидан, ба тарзи дигар ҷиҳозондан; ~ **заво́д** заводро аз нав таҷҳиз кардан

переобору́доваться *несов. страд.* аз нав таҷҳизонида шудан

переобува́ние *с* (*по знач. гл.* **переобу́ть**) ивазкунондани пойафзол, аз нав (дигарбора) пушондани пойафзол; (*по знач. гл.* **переобу́ться**) ивазкунии пойафзол, аз нав (дигарбора) пушидани пойафзол

переобува́ть *несов. см.* **переобу́ть**

переобува́ться *несов.* 1. *см.* **переобу́ться**; 2. *страд.* аз нав пушонда шудани пойафзол

переобу́ть *сов. кого* пойафзол иваз кардан (аз нав пушондан); ~ **ребёнка** ба бача пойафзоли дигар пушондан, пойафзоли бачаро иваз кардан // *что* иваз кардан; кашида дубора пушидан; ~ **сапоги́** мӯзаро кашида дубора пушидан; музаро ба пойафзоли дигар иваз кардан

переобу́ться *сов.* пойафзоли худро иваз кардан, пойафзоли дигар пушидан

переобуча́ть *несов. см.* **переобучи́ть**

переобуча́ться *несов.* 1. *см.* **переобучи́ться**; 2. *страд.* аз нав таълим дода шудан

переобуче́ние *с* (*по знач. гл.* **переобучи́ть**) аз нав омухтан(и), азнавтаълимдиҳӣ; (*по знач. гл.* **переобучи́ться**) азнавтаълимгирӣ

переобучи́ть *сов. кого-что* аз нав омухтан, аз нав таълим (сабақ) додан

переобучи́ться *сов.* аз нав омӯхтан, аз нав таълим (сабақ) гирифтан

переодева́ние *с* (*по знач. гл.* **переоде́ть**) либоси *касеро* дигар кардан(и); (*по знач. гл.* **переоде́ться**) либоси худро дигар кардан(и)

переодева́ть *несов. см.* **переоде́ть**

переодева́ться *несов.* 1. *см.* **переоде́ться**; 2. *страд.* либоси дигар пушонда шудан

переоде́тый, -ая, -ое 1. *прич.* либоси дигар пушондашуда 2. *прил.* либоси дигар пӯшида, либос ивазкарда, тағйири либоскарда

переоде́ть *сов. кого* либоси дигар пушондан, либоси *касеро* дигар (иваз) кардан; ~ **ребёнка** либоси бачаро дигар кардан // *что* либоси дигар пӯшидан, тағйири либос кардан, либоси худро дигар (иваз) кардан; ~ **пла́тье** куртаи дигар пушидан

переоде́ться *сов.* либоси дигар пӯшидан, тағйири либос кардан, либоси худро дигар (иваз) кардан; ~ **в но́вое**

платье куртаи нав пӯшидан; ~ **мужчиной** либоси мардона пушидан

переорганизация *ж* (*по знач. гл.* **переорганизовать**) азнавташкилкунӣ; (*по знач. гл.* **переорганизоваться**) азнавташкилшавӣ

переорганизовать *сов. что* аз нав ташкил кардан, ба тарзи дигар ташкил кардан; ~ **всю работу** ҳамаи корҳоро ба тарзи дигар ташкил кардан

переорганизоваться *сов.* аз нав ташкил шудан, ба тарзи дигар ташкил ёфтан

переорганизовывать *несов. см.* **переорганизовать**

переорганизовываться *несов.* 1. *см.* **переорганизоваться**; 2. *страд.* аз нав ташкил карда шудан

переориентация *ж* (*по знач. гл.* **переориентировать** *и* **переориентироваться**) тағьири тамоил (самт)

переориентировать *сов., несов. кого-что* тағьири тамоил (самт) кардан

переориентироваться *сов., несов.* тағьири тамоил (самт) карда шудан

переориентировка *ж см.* **переориентация**

переосвидетельствование *с* (*по знач. гл.* **переосвидетельствовать**) муоинаи такрорӣ, такроран (дубора) азназаргузаронӣ; **врачебное** ~ дубора аз назар гузарондани духтурҳо, муоинаи такрории духтурҳо; **назначить на** ~ муоинаи такрорӣ фармудан

переосвидетельствовать *сов., несов. кого-что* такроран муоина (тафтиш) кардан, такроран аз назар гузарондан, дубора (аз нав) муоина кардан

переосвидетельствоваться 1. *сов., несов. разг.* аз муоинаи такрорӣ (аз тафтиши дубора) гузаштан 2. *несов. страд.* такроран аз нав (дубора) муоина карда шудан

переосмысление *с* (*по знач. гл.* **переосмыслить**) ба тарзи нав фаҳмидан(и); сарфаҳмравӣ, таҷдиди назар; ~ **исторических событий** ба тарзи нав фаҳмидани воқеаҳои таърихӣ

переосмысливать *несов. см.* **переосмыслить**

переосмысливаться *несов. страд.* ба тарзи нав фаҳмида шудан, таври дигар дарк карда шудан

переосмыслить *сов. что* ба тарзи нав фаҳмидан (дарк кардан), ба тарзи нав фаҳмида гирифтан; сарфаҳм рафтан; ~ **факты** далелҳоро ба тарзи нав фаҳмидан

переоснастить *сов. что* аз нав таҷҳизонидан, аз таҷҳизоти нав таъмин кардан, таҷҳизотро нав кардан; ~ **судно** киштиро аз нав таҷҳизонидан, таҷҳизоти киштиро нав кардан

переоснащать *несов. см.* **переоснастить**

переоснащаться *несов. страд.* аз нав таҷҳизонида шудан

переоснащение *с* (*по знач. гл.* **переоснастить**) аз нав таҷҳизонӣ; **техническое** ~ аз нав таҷҳизонии техники

переохладить *сов. что* аз ҳад зиёд хунук кардан; ях кунондан

переохладиться *сов.* аз ҳад зиёд хунук шудан; ях баристан шудан, ях кардан

переохлаждать *несов. см.* **переохладить**

переохлаждаться *несов.* 1. *см.* **переохладиться**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд хунук карда шудан

переохлаждение *с* 1. *физ.* аз дараҷаи яхбандӣ бештар хунук кардан(и) 2. хунуккунӣ, хунукшавии аз ҳад зиёд

переоценивание *с см.* **переоценка**

переоценивать *несов. см.* **переоценить**

переоцениваться *несов. страд.* аз нав нарх гузошта шудан

переоценить *сов. кого-что* 1. аз нав нарх (баҳо) мондан, нархи нав мондан (гузоштан); ~ **товары** ба молҳо аз нав нарх мондан 2. аз будаш зиёд қадр кардан; ~ **свой способности** қобилияти худро аз будаш зиёд қадр кардан

переоценка *ж* (*по знач. гл.* **переоценить**) аз нав нарх (баҳо) мондан(и); аз будаш зиёд қадр кардан(и); ~ **дома** азнавбаҳокунии хона; ~ **своих возможностей** аз будаш зиёд қадр кардани қобилияти худ

перепад *м* оббанди зинадор (*барои танзими суръати ҷараёни об*)

перепадать *сов. разг.* паси ҳам (яке аз паи дигар) афтидан, якояк (пай дар ҳам) ғалтидан

перепада||ть *несов.* 1. *см.* **перепасть** 2; 2. *разг.* гоҳ-гоҳ (кам-кам) боридан; **изредка** ~**ют дождй** гоҳ-гоҳ борон меборад

перепаивание *с* (*по знач. гл.* **перепаять**) азнавлаҳимкунӣ

перепаивать I *несов. см.* **перепоить**

перепаивать II *несов. см.* **перепаять**

перепайка *ж см.* **перепаивание**

перепалка *ж* 1. *прост. см.* **перестрелка**; 2. *перен. разг.* хархаша, ҷанҷол, галоғула, ғавғо, низоъ, мунокиша

перепалывать *несов. см.* **переполоть**

перепалываться *несов. страд.* аз нав хишова карда шудан

перепаривать *несов. см.* **перепарить**

перепариваться *несов.* 1. *см.* **перепариться**; 2. *страд.* аз ҳад зиёд буғ дода шудан

перепарить *сов.* 1. *что* бисьёр буғ дода (бисьёр дам карда) вайрон кардан, ланҷ кардан; ~ **свёклу** лаблабуро бисьёр буғ дода бемаза кардан 2. *кого разг.* (*в бане*) дар ҳаммом бисьёр буғ дода касал кардан 3. *что разг.* (*всё, многое*) буғ додан

перепариться *сов.* 1. дар буғ бисьёр истода вайрон шудан, бисьёр дам хурда бемаза (вайрон) шудан 2. *разг.* (*в бане*) дар буғхонаи ҳаммом бисьёр истода худро беҳол кардан

перепархивать *несов. см.* **перепорхнуть**

перепарывать *несов.* **перепороть** I

перепасть *сов.* 1. *см.* **перепадать** 2; 2. *чаще безл. кому-чему разг.* (*достаться*) расидан, насиб шудан, дастрас шудан

перепахать *сов. что* 1. дубора шудгор кардан, такроран рондан; ~ **поле** заминро дубора шудгор кардан 2. (*целиком*) шудгор кардан, рондан

перепахивание *с* (*по знач. гл.* **перепахать**) шудгоркунии дубора, рондани такрорӣ

перепахивать *несов. см.* **перепахать**

перепахиваться *несов. страд.* дубора шудгор карда шудан

перепачкать *сов. кого-что* ифлос (чиркин, олуда) кардан, олондан

перепачкаться *сов.* ифлос (чиркин, олуда) шудан, худро олондан

перепашка *ж разг. см.* **перепахивание**

перепаять *сов. что* 1. аз нав лаҳим кардан; ~ **ведро** сатилро аз нав лаҳим кардан 2. (*всё, многое*) кафшер кардан; ~ **всю посуду** ҳамаи зарфҳои шикофро кафшер кардан

перепев *м* такрор; ~**ы старого** такрори гапҳои кӯҳна

перепевание *с* (*по знач. гл.* **перепевать**) такрор кардани гапҳои ба ҳама маълум

перепевать *несов.* 1. *см.* **перепеть**; 2. *что* гапҳои ба ҳама маълумро такрор кардан

перепекать *несов. см.* **перепечь**

перепекаться *несов. см.* **перепечься**

перепел *м* вартиш(к), бедона

перепеленать *сов. кого-что* 1. аз нав парпеч кардан 2. (*всех, многих*) парпеч кардан

перепелёнывать *несов. см.* **перепеленать**

перепелин||ый, -ая, -ое ...и вартиш(к), ...и бедона; ~**ое гнездо** лонаи вартишк; ~**ая охота** шикори бедона

перепёлка *ж* мошак, мокиёни вартиш (бедона)

перепёрчивать *несов. см.* **перепёрчить**

перепёрчить *сов. что* аз ҳад зиёд мурч андохтан, каламфури бисьёр андохта тунд кардан, сермурч (серкаламфур) кардан

перепеть *сов.* 1. *что* (*всё, многое*) хондан; ~ **все песни** ҳамаи сурудҳоро хондан 2. *кого-что разг.* дар мусобиқаи сурудхонӣ ғолиб баромадан (пешдастӣ кардан)

перепечатать *сов. что* 1. аз нав чоп кардан, дубора табъ кардан (ба табъ расондан); ~ **старое издание** нашри куҳнаи китобро аз нав чоп кардан 2. бо мошинкаи хатнависӣ чоп кардан; ~ **рукопись** дастнависро бо мошинкаи хатнависӣ чоп кардан

перепечатка *ж* (*по знач. гл.* **перепечатать**) азнавчопкунӣ, дубора табъкунӣ; бо мошинкаи хатнависӣ чопкунӣ

перепечатывание *с см.* **перепечатка**

перепечатывать *несов. см.* **перепечатать**

перепечатываться *несов. страд* аз нав чоп карда шудан

перепечь *сов. что* 1. пухта гузарондан, бисьёр пухта сахт кардан, аз ҳад зиёд пазондан 2. (*всё, многое*) пухтан

перепечься *сов.* пухта гузаштан, аз ҳад зиёд пухта сахт шудан

перепива́ть(ся) *несов. см.* **перепи́ть(ся)**

перепи́ливание *с (по знач. гл.* **перепили́ть)** аз миён арракунӣ, бо арра ду тақсим кардан(и)

перепи́ливать *несов. см.* **перепили́ть**

перепи́ливаться *несов. страд.* аз миён арра карда шудан

перепили́ть *сов. что* 1. аз миён арра кардан, бо арра ду тақсим кардан; ~ **бревно́** ғуларо аз миён арра кардан 2. *(всё, многое)* арра кардан; ~ **все дрова́** ҳамаи ғулачубҳоро арра кардан

перепи́лка *ж см.* **перепи́ливание**

переписа́ть *сов.* 1. *что* нусха бардоштан; навишта гирифтан; аз сари нав навиштан; ~ **на́бело** рунавис (покнавис) кардан 2. *(всех, многих, всё, многое) кого-что* руйхат кардан, ба руйхат даровардан; ~ **всех прису́тствующих** ҳамаи хозиронро руйхат кардан

перепи́ск||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **переписа́ть** 1) нусхабардорӣ; аз сари нав навиштан(и); *(по знач. гл.* **перепи́сываться** 2) мукотиба; ~**а ру́кописи** нусхабардорӣ аз дастнавис; ~**а на маши́нке** бо мошинкаи хатнависӣ чоп кардан(и); **делова́я** ~**а** мукотибаи расмӣ; **вести́** ~**у** мукотиба доштан, ба ҳамдигар хат навиштан 2. *(собрание писем)* маҷмуаи мактубҳо, номаҳо

переписно́й, -а́я, -о́е ...и руйхат [кунӣ]; ~ **лист** варақаи руйхат[кунӣ]

перепи́счик *м* нусхабардор, рунавискунанда, покнавискунанда; руйхаткунанда

перепи́счица *женск. к* **перепи́счик**

перепи́сывание *с (по знач. гл.* **переписа́ть)** нусхабардорӣ; аз сари нав навиштан(и)

перепи́сывать *несов. см.* **переписа́ть**

перепи́сыва||ться *несов.* 1. *см.* **переписа́ться;** 2. *с кем-чем* мукотиба доштан (кардан), ба ҳамдигар хат (нома) навиштан; **мы с ним** ~**емся** ману вай мукотиба дорем 3. *страд.* рунавис карда шудан

пе́репис||ь *ж* руйхат, руйхаткунӣ, баруйхатгирӣ, баҳисобгирӣ; ~**ь населе́ния** баруйхатгирии аҳолӣ; **по да́нным** ~**и** аз руи маълумоти баруйхатгирии аҳолӣ

перепи́ть *сов. разг.* 1. *чего и без доп.* аз ҳад (аз андоза) зиёд нушидан 2. *кого* аз *касе* зиёдтар нушидан

перепи́ться *сов. разг.* аз андоза зиёд нушида маст шудан, масти лояъқил шудан

перепла́в *м см.* **переплавка**

перепла́вить I *сов. что* 1. дубора гудохтан (об кардан); ~ **колокола́ в пу́шки** ноқусҳоро гудохта туп рехтан 2. *(всё, многое)* гудохтан, об кардан; ~ **весь мета́лл** ҳамаи металлро об кардан

переплавить II *сов. кого-что* бо чараёни об равон кардан; ~ **лес** чӯбро бо об рондан

перепла́виться *сов.* дубора гудохта шудан, об шудан

переплавка *ж (по знач. гл.* **перепла́вить** I) дубора гудохтан(и), дубора обкунӣ

переплавлять I, II *несов. см.* **перепла́вить** I, II

переплавля́ться I *несов.* 1. *см.* **перепла́виться;** 2. *страд.* дубора гудохта шудан

переплавля́ться II *несов. страд.* бо об ронда шудан

перепланй́рование *с см.* **перепланиро́вка**

перепланй́ровать *сов. что* аз нав нақша кашидан, аз нав тарҳ сохтан (тағйир додан)

перепланировка *ж (по знач. гл.* **перепланй́ровать)** аз нав кашидани нақша, аз нав сохтани (тағйир додани) тарҳ, ~ **до́ма** нав кардани тарҳи хона; ~ **го́рода** тағйир додани нақшаи шаҳр

перепланиро́вывать *несов. см.* **перепланй́ровать**

перепла́та *ж разг.* 1. *(по знач. гл.* **переплати́ть)** зиёд (барзиёд) додани пул 2. маблағи (пули) барзиёд додашуда

переплати́ть *сов.* 1. *что и без доп.* барзиёд пул додан; ~ **за поку́пку** барои харид барзиёд пул додан 2. *что разг. (в несколько приёмов)* қисм-қисм пули бисёр додан

перепла́чивать *несов. см.* **переплати́ть**

перепла́чиваться *несов. страд.* барзиёд пул дода шудан

переплёвывать *несов. см.* **переплю́нуть**

переплёскивать *несов. см.* **переплесну́ть**

переплёскиваться *несов.* 1. *см.* **переплесну́ться;** 2. *страд.* шалпасзанон гузашта шудан

переплесну́||ть *сов. что, через что* шалпас зада гузаштан; **волна́** ~**ла че́рез борт ло́дки** мавҷ шалпас зада аз болои девораи заврақ гузашт

переплесну́||ться *сов.* шалпас зада рехтан; **вода́** ~**лась че́рез край ведра́** об аз сатил шалпас зада рехт

переплести́ *сов. что* 1. муқова (чилд, саҳҳофӣ) кардан; ~ **кни́гу** китобро муқова кардан 2. *(сплести между собой)* бофтан, печондан 3. печондан, қати карда бофтан; ~ **ко́сы ле́нтами** мӯйро бо лента қатӣ карда бофтан 4. *(заново)* аз сари нав бофтан

перепле||сти́сь *сов.* ба ҳамдигар печидан, печ дар печ шудан, даромехтан, чигил (махлут) шудан; **расте́ния** ~**ли́сь ме́жду собо́й** растаниҳо ба ҳамдигар печиданд // *перен.* мураккаб шудан, печ дар печ шудан, чигил шудан

переплёт *м* 1. *(по знач. гл.* **переплести́** 1) муқовакунӣ, муқовабандӣ, чилдкунӣ, саҳҳофӣ; **отда́ть кни́гу в** ~ китобро барои саҳҳофӣ додан 2. муқова, чилд; **коленко́ровый** ~ муқоваи коленкор 3. панҷара, чорчуба, чанбарак; **око́нный** ~ чорчубаи тиреза 4. *перен. разг.* ҳолати сахт (ногувор, печ дар печ), вазъияти ноҳинҷор (душвору мураккаб); **попа́сть в** ~ дучори мушкилӣ шудан, ба ҳолати ногувор афтодан ◇ **брать (взять) в** ~ сахт гирифта ба рафторе маҷбур кардан

переплета́ть *несов. см.* **переплести́**

переплета́ться *несов.* 1. *см.* **переплести́сь;** 2. *страд.* муқова (саҳҳофӣ) карда шудан

переплете́ние *с (по знач. гл.* **переплести́** 2, 3) бофтан(и), печондан(и); *(по знач. гл.* **переплести́сь)** ба ҳамдигар печидан(и), печдарпечшавӣ; ~ **обстоя́тельств** печдарпечии вазъият 2. *текст.* тарзи ба ҳамдигар печидани тору пуди матоъ, тарзи гулабардорӣ; **узо́рчатое** ~ гулабардории сернақшу нигор

переплётн||ый, -ая, -ое 1. ...и муқовасозӣ, ...и чилдкунӣ, ...и саҳҳофӣ; ~**ое де́ло** саҳҳофӣ, муқовасозӣ; ~**ая маши́на** мошини муқовасозӣ; 2. *в знач. сущ.* **переплётная** *ж* корхонаи саҳҳофӣ 3. ...и муқова, ...и чилд

переплётчик *м* муқовасоз, чилдсоз, саҳҳоф

переплётчица *женск. к* **переплётчик**

переплыва́ть *несов. см.* **переплы́ть**

переплы́ть *сов. что, через что и без доп.* шино карда гузаштан; ~ **ре́ку́** аз дарьё шино карда гузаштан

переплю́нуть *сов.* 1. *сов. разг.* аз болои *чизе* туф кардан 2. *кого перен. прост.* аз *касе* гузарондан, пеш гузаштан, ғолиб баромадан

перепля́с *м* рақс, арғушт; **солда́тский** ~ арғушти аскарҳо

перепляса́ть *сов. кого* аз *касе* бештар (беҳтар) рақс кардан

переподгота́вливание *с см.* **переподгото́вка**

переподгота́вливать *несов. см.* **переподгото́вить**

переподгота́вливаться *несов.* 1. *см.* **переподгото́виться;** 2. *страд.* такмил дода шудан *(оид ба дониш)*

переподгото́вить *сов. кого-что* аз нав тайёр кардан, донишро такмил додан; ~ **преподава́телей** дониши муаллимонро такмил додан

переподгото́виться *сов.* аз нав тайёр шудан, дониши (маълумоти) худро такмил додан

переподгото́вка *ж (по знач. гл.* **переподгото́вить)** азнавтайёркунӣ, такмили дониш; *(по знач. гл.* **переподгото́виться)** азнавтайёршавӣ, такмилдиҳии дониши худ; ~ **враче́й** такмили дониши духтурҳо

переподготовля́ть(ся) *см.* **переподгота́вливать(ся)**

перепои́ть *сов. кого-что* 1. аз ҳад зиёд нушондан, бисёр об хӯронда дам (варам) кунондан; ~ **ло́шадь** аспро хунук накарда об хуронда // *(спиртным)* бисёр май хуронда маст кунондан 2. *(всех, многих)* об хӯрондан, нушондан, об додан // *разг. (спиртным)* май хурондан, маст кунондан

перепо́||й *м:* **с** ~**я, с** ~**ю** *прост.* аз зарби мастӣ, дар ҳолати мастӣ, аз бисёр нушидани май

переполаскивать *несов. см.* **переполоска́ть**

переполаскиваться *несов. страд.* аз сари нав чайқонда шудан

переполза́ть *несов. см.* **переползти́**

переползти́ *сов. что, через что* хазида (гавак кашида) гузаштан; ~ **че́рез доро́гу** хазида аз роҳ гузаштан

переполне́ние *с* (*по знач. гл.* **перепо́лнить**) аз ҳад зиёд пур кардан(и), саршор кардан(и), лабрез кардан(и); (по *знач. гл.* **перепо́лниться**) аз ҳад зиёд пур шудан(и), саршоршавӣ, лабрезшавӣ

перепо́лнить *сов. что* аз ҳад зиёд пур кардан, пуропур кардан, саршор (лабрез) кардан; ~ **водо́й** аз об лабрез кардан // *кого-что перен.* пур кардан ◇ ~ **ча́шу** [**терпе́ния**] косаи сабр лабрез кардан

перепо́лни||ться *сов.* аз ҳад зиёд пур шудан, пуропур (саршор, лабрез) шудан // *перен.* пур шудан; **моё се́рдце** ~**лось ра́достью** дилам аз шодӣ лабрез шуд; аз шодӣ ба курта нагунҷидам ◇ **ча́ша** [**терпе́ния**] ~**лась** косаи сабр лабрез шуд

переполня́ть *несов. см.* **перепо́лнить**

переполня́ться *несов.* 1. *см.* **перепо́лниться;** 2. *страд.* пуропур карда шудан

переполоска́ть *сов. что* 1. аз сари нав чайқондан, дар оби нав чайқондан, аз нав обгардон кардан; ~ **про́стыню** ҷойпӯшро аз сапи нав чайқондан 2. (*всё, многое*) аз як сар чайқондан, аз як сар обгардон кардан; ~ **всё бельё** ҷомашӯиҳоро аз як сар чайқондан

переполо́ть *сов. что* 1. аз нав хишова кардан 2. (*всё, многое*) аз як сар хишова кардан; ~ **все гря́дки** ҷуякҳоро аз як сар хишова кардан

переполо́х *м* воҳима, валвала, ҳаросонӣ, бесаранҷомӣ, тарсу бим; **вы́звать** ~ ба воҳима андохтан

переполоши́ть *сов. кого-что разг.* ба воҳима андохтан, валвала (ҳаросон, бесаранҷом) кардан; ~ **спя́щих** хуфтагонро ҳаросон кардан

переполоши́ться *сов. разг.* ба воҳима омадан, ҳаросон шудан, тарсидан, ба тарсу бим афтодан

перепо́нка *ж* парда; **бараба́нная** ~ *анат.* пардаи гуш; **плава́тельная** ~ **у у́тки** пардаи панҷаи мурғобӣ

перепо́ночный, -ая, -ое ...и парда

перепончатокры́л||ый, -ая, -ое *зоол.* 1. пардабол, ...и қанотҳояш шаффофи пардамонанд; ~**ые насеко́мые** ҳашароти пардабол 2. *в знач. сущ.* **перепончатокры́лые** *мн.* пардаболҳо, ҳашароти пардабол

перепо́нчат||ый, -ая, -ое пардамонанд, парданок, пардадор; ~**ые плавники́** болҳои пардадор (*оид ба ҳайвоноти обӣ*)

перепоро́ть I *сов. что* (*всё, многое*) чок (кук, дарз) кандан; ~ **все пла́тья** кӯки ҳамаи куртаҳоро кандан

перепоро́ть II *сов. кого прост.* (*всех, многих*) лат кардан, задан, қамчинкорӣ кардан

перепо́ртить *сов. кого-что* вайрон (хароб) кардан, тамоман хароб (вайрон) кардан; ~ **рабо́ту** корро тамоман хароб кардан

перепо́ртиться *сов. разг.* тамоман вайрон (хароб) шудан

перепоруча́ть *несов. см.* **перепоручи́ть**

перепоручи́ть *сов. что* вогузор кардан, иҷрои вазифаи худро ба каси дигар супурдан (ҳавола кардан); ~ **свою рабо́ту кому́-л.** кори худро ба касе супурдан (ба зиммаи касе гузоштан)

перепорхну́ть *сов. на что, через что и без доп.* [зуд, босуръат] паридан, парида гузаштан; ~ **с одного́ ме́ста на друго́е** аз ҷое ба ҷое паридан

перепотроши́ть *сов. кого-что* (*всех, многих*) чок карда тоза кардан, кафонда тоза кардан; ~ **всех кур** ҳаман мурғҳои кушташударо чок карда тоза кардан

перепоя́сать *сов. кого-что* 1. камар (миён) бастан, аз кифту камар бастан 2. (*заново*) аз нав камар (миён) бастан

перепоя́саться *сов. чем и без доп.* 1. камари (миёни) худро бастан 2. (*заново*) аз сари нав камари (миёни) худро бастан

перепоя́сывать *несов. см.* **перепоя́сать**

перепоя́сываться *несов.* 1. *см.* **перепоя́саться;** 2. *страд.* камар баста шудан

перепра́в||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **перепра́вить** 1) гузарониш, убур, гузарондан(и); (*по знач. гл.* **перепра́виться**) гузариш, гузаштан(и), гузар (убур) кардан(и); ~**а вброд** аз об гузаштан(и) 2. гузаргоҳ, ҷои гузар, маъбар; **установи́ть** ~**у** гузаргоҳ сохтан

перепра́вить *сов.* 1. *кого-что* гузарондан; ~ **на друго́й бе́рег** ба соҳили дигар гузарондан 2. *что* фиристодан, ирсол доштан, роҳӣ кардан; ~ **письмо́ адреса́ту** мактубро ба гиранда фиристодан 3. *что разг.* (*исправить*) ислоҳ (дуруст) кардан

перепра́виться *сов. через что* гузаштан, гузар (убур) кардан; ~ **че́рез ре́ку вплавь** аз дарьё шинокунон гузаштан

перепра́вка *ж разг.* (*по знач. гл.* **перепра́вить**) гузарониш, гузарондан(и); фиристодан(и) ирсол доштан(и); ~ **на друго́й бе́рег** ба соҳили дигар гузарондан(и); ~ **письма́** ирсол доштани нома

переправля́ть *несов. см.* **перепра́вить**

переправля́ться *несов.* 1. *см.* **перепра́виться;** 2. *страд.* гузаронда шудан

перепра́вочн||ый, -ая, -ое ...и гузаштан, ...и гузариш, ...и гузарониш; ~**ые сре́дства** воситаҳои аз об гузаштан

перепрева́ть *несов. см.* **перепре́ть**

перепре́л||ый, -ая, -ое пусида, тосида; мағоркарда; ~**ое зерно́** ғаллаи пусида

перепре́||ть *сов.* 1. пусидан, тосидан; мағор кардан; сухтан; гандидан; **наво́з** ~**л** пору сухт; **соло́ма** ~**ла** каҳ пусид 2. *разг.* (*от долгой варки*) аз бисьёр пухтан бемаза (фач) шудан; доғҷуш шудан

перепро́бовать *сов. что* (*всё, многое*) чашида дидан, аз як сар чашидан; ~ **все ку́шанья** ҳамаи хурокҳоро чашида дидан

перепрове́рить *сов. что* аз сари нав тафтиш кардан, аз нав санҷидан (озмудан)

перепродава́ть *несов. см.* **перепрода́ть**

перепродава́ться *несов. страд.* харида фурӯхта шудан, дубора фурухта шудан

перепродаве́ц *м уст.* ҷаллоб, ҳаннот, харида фурӯшанда

перепрода́жа *ж* (*по знач. гл.* **перепрода́ть**) ҷаллобӣ, ҳаннотӣ, харида фурӯхтан(и); ~ **веще́й** харида фурухтани чизҳо

перепрода́ть *сов. кого-что* ҷаллобӣ (ҳаннотӣ) кардан, харида фурухтан

перепроизво́дство *с* истеҳсоли барзиёд, истеҳсоли аз дараҷаи талабот зиёд

перепруди́ть *сов. что разг.* бастан, банд кардан; ~ **ре́ку** пеши дарьёро бастан

перепру́живать *несов. см.* **перепруди́ть**

перепры́гивать *несов. см.* **перепры́гнуть**

перепры́гнуть *сов. что, через что* ҷаҳида, (парида, хез зада) гузаштан; ~ **че́рез забо́р** аз [болои] девор ҷаҳида гузаштан

перепряга́ть *несов. см.* **перепря́чь**

перепря́жка *ж* (*по знач. гл.* **перепря́чь**) аз сари нав бастан(и), дубора қӯш кардан(и), аспро иваз карда бастан(и); ~ **лошаде́й** ба ароба аз нав бастани аспҳо, ба ароба бастани аспҳои дигар

перепря́сть *сов. что* (*всё, многое*) ресидан, ресида тамом кардан; ~ **всю шерсть** ҳамаи пашмро ресидан

перепря́тать *сов. кого-что* 1. ба ҷои дигар пинҳон кардан, ба ҷои нав руст кардан 2. *разг.* (*всё, многое*) пинҳон кардан, ҷого кардан, руст кардан

перепря́таться *сов.* 1. аз сари нав пинҳон шудан, дубора ҷого шудан, ба ҷои нав руст шудан 2. *разг.* (*о всех, многих*) пинҳон шудан, ҷого шудан, руст шудан

перепря́тывать *несов. см.* **перепря́тать**

перепря́тываться *несов.* 1. *см.* **перепря́таться;** 2. *страд.* ба ҷои дигар пинҳон карда шудан

переучить *сов.* 1. *кого-что* аз нав омухтан (омузондан), аз нав ёд (таълим) додан, дубора хонондан 2. *что* аз нав ёд гирифтан, аз нав омухтан, дубора хондан; ~ **урок** дарсро дубора хондан 3. *кого-что (всех, многих)* омухтан, омузондан, ёд (таълим) додан, хонондан

переучиться *сов.* 1. аз нав ёд гирифтан, аз нав таълим гирифтан; дубора хонда касбу ҳунари нав ёд гирифтан; ~ **на токаря** аз нав хонда касби харротиро ёд гирифтан 2. *разг.* бисьёр хонда зиён дидан

переформирование *с (по знач. гл.* **переформировать**) ба тарзи дигар тартибдиҳӣ, аз нав ташкилкунӣ; *(по знач. гл.* **переформироваться**) ба тарзи дигар тартиб ёфтан(и), аз сари нав ташкил ёфтан(и)

переформировать *сов. кого-что* ба тарзи дигар тартиб додан, навъи дигар дуруст кардан, аз нав ташкил (таъсис) кардан; тағйир додан; ~ **дивизию** дивизияро аз нав ташкил кардан

переформирова||ться *сов.* ба тарзи дигар тартиб ёфтан, навъи дигар дуруст шудан, аз сари нав ташкил ёфтан; **полк** ~**лся** полк аз сари нав ташкил ёфт

переформировка *ж (по знач. гл.* **переформировать**) ба тарзи дигар тартиб додан(и), аз нав ташкил кардан(и); ~ **частей** аз нав ташкил кардани қисмҳои ҳарбӣ

переформировывать *несов. см.* **переформировать**

переформировываться *несов.* 1. *см.* **переформироваться**; 2. *страд.* ба тарзи дигар тартиб дода шудан

перефразирование *с (по знач. гл.* **перефразировать**) дигар хел ифода (баён) кардан(и)

перефразировать *сов., несов. кого-что* дигар хел ифода (баён) кардан, андаке тағйир додан; ~ **чьй-л. слова** суханони касеро дигар хел ифода кардан

перефразировка *ж* 1. *см.* **перефразирование**; 2. суханони (ҷумлаи) ба тарзи дигар ифодаёфта

перехаживать *несов. см.* **переходить** II

перехваливание *с (по знач. гл.* **перехвалить**) аз ҳад зиёд таъриф кардан(и); аз ҳад зиёд мадҳ (ситоиш) кардан(и); мадҳи муболиғаомез

перехваливать *несов. см.* **перехвалить**

перехвалить *сов.* аз ҳад зиёд таъриф кардан, аз ҳад зиёд мадҳ (ситоиш) кардан

перехват *м* 1. *прост. (по знач. гл.* **перехватить** 1, 3) дастгир кардан(и), зада гирифтан(и); буридан(и), пешгирӣ; бастан(и) 2. *разг.* ҷои борик, ҷои танг

перехватать *сов.* 1. *кого-что разг. (всех, многих)* гирифтан, доштан, дастгир кардан 2. *что прост. (всё, многое)* зуд харида гирифтан, талош карда гирифтан

перехвати́ть *сов.* 1. *кого-что* нигох доштан, боздоштан, дастгир кардан; ба даст даровардан, зада гирифтан; ~ **мяч** тубро зада гирифтан; ~ **письмо́** мактубро ба даст даровардан // *что* ба даст даровардан, буридан, қатъ кардан, пеш гирифтан; ~ **коммуника́ции проти́вника** роҳҳои алоқаи душманро буридан // *что перен.* фаҳмидан, пай бурдан; ~ **взгляд** маънии нигоҳро фаҳмидан 2. *(схватить в другом месте)* чизеро ба ҷои дигараш ё бо дасти дигар доштан; ~ **топо́р поудо́бнее** табарро қулайтар доштан 3. *что* бастан, аз миён бастан; ~ **верёвкой** бо арғамчин [печонда] бастан 4. *что (дыхание, голос и т. п.)* гирифтан, боздоштан, як муддат бастан (баста шудан) 5. *что, чего и без доп. разг. (наскоро поесть)* зуд шушбанд шудан 6. *что, чего и без доп. разг.* [ба муддати кутоҳ] қарз гирифтан; ~ **де́нег у прия́теля** аз ҷӯраи худ [ба муддати кутоҳ] қарз гирифтан 7. *в чём и без доп. разг. (проявить неумеренность)* аз ҳадди эътидол гузаштан 8. *в чём и без доп. разг.* муболиға (муҳобот) кардан; **ну, уж э́то ты перехвати́л!** э, ту бисьёр муҳобат кардӣ! ◇ ~ **че́рез край** бисьёр муболиға кардан

перехва́тывать *несов. см.* **перехвати́ть**

перехва́тываться *несов. страд.* баста (боздошта) шудан, қатъ гардидан

перехвора́||ть *сов. чем и без доп. разг.* 1. *(о всех, многих)* бемор (мариз, нотоб, касал) шудан; **вся семья́ ~ла гри́ппом** ҳамаи аҳли оила аз як сар грипп шуданд 2. гирифтор (мубтало) шудан, якчанд касалиро аз сар гузарондан; **ребёнок ~л почти́ все́ми де́тскими боле́знями** кӯдак қариб ҳамаи касалиҳои бачагонаро аз сар гузаронд

перехитри́||ть *сов. кого-что* дар ҳила ҳилагартар (фиребгартар) будан, аз касе (аз дигарон) гузарондан; фиреб додан; **его не ~шь** дар ҳилагарӣ касе ба дасти вай об рехта наметавонад; **~ть врага** аз душман фиребгартар будан

перехлестну́||ть *сов.* 1. *разг.* саршор (лабрез) шудан, аз канор рехтан; **волна́ ~ла че́рез борт ло́дки** мавҷ аз канори қаиқ ба дарун рехт // *перен. (о чувствах)* бо қувваи калон зоҳир шудан, ба ҷуш омадан 2. *прост. (проявить неумеренность)* аз ҳад гузаштан

перехлёстывать *несов. см.* **перехлестну́ть**

перехо́д *м* 1. *(по знач. гл.* **перейти́***)* гузариш, гузаштан(и); ~ **че́рез го́ры** аз кӯҳ гузаштан(и); ~ **че́рез грани́цу** аз сарҳад гузаштан(и); ~ **на другу́ю рабо́ту** ба кори дигар гузаштан(и); ~ **войск в наступле́ние** ба ҳуҷум гузаштани қушун; ~ **коли́чества в ка́чество** табдили миқдор ба сифат 2. манзил, як манзил роҳ *(масофае, ки онро дар муддати муайян тай кардан мумкин аст)*; **останови́ться в двух ~ах от го́рода** дар масофаи ду манзил аз шаҳр таваққуф кардан (қарор гирифтан) 3. гузаргоҳ, ҷои убур; **подзе́мный ~** гузаргоҳи зеризаминӣ 4. *(постепенное изменение)* ботадриҷ гузаштан(и), табдил (иваз) шудан(и); ~ **предго́рной равни́ны в степь** ботадриҷ ба дашт иваз шудани доманаҳои ҳамвори кӯҳ 5. *(коридор, галерея и т. п.)* раҳрав, долон

переходи́ть I несов. см. **перейти́**

переходи́ть II *сов. разг.* аз нав гаштан, дубора гаштан, гашти дубора кардан *(дар шоҳмотбозӣ, дамкабозӣ ва ғ).*

перехо́дность *ж* 1. гузарандагӣ, гузаранда будан(и) 2. *грам.* гузаранда будан(и)

перехо́дн||ый, -ая, -ое 1. гузаранда, ...и гузариш, ...и интиқол; **~ые экза́мены** имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаштан 2. ...и гузаштан, ...и гузариш, мобайнӣ; **~ый во́зраст** синни гузаштан аз тифлӣ ба ҷавонӣ; **~ый пери́од** даврai гузариш 3. *грам.* гузаранда; **~ый глаго́л** феъли гузаранда

переходя́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* гузаранда 2. *прил.* сайёр; **~ее зна́мя** байрақи сайёр 3. *прил. фин.* [ба соли оянда] гузаранда; **~ие су́ммы** маблағҳои [ба соли оянда] гузаранда 4. *прил.* зудгузар, даргузар; **~ие дожди́** боронҳои зудгузар

перехо́ж||ий, -ая, -ее: **кали́ка ~ий (~ая)** *уст.* гадои дарбадар

перехорони́ть *сов.* 1. *кого-что* дар ҷои дигар дафн кардан 2. *кого (всех, многих)* дафн кардан

пе́рец *м* 1.: **чёрный ~** мурч, филфил; **кра́сный ~** қаламфур, занҷабил; **болга́рский ~** қаламфури булғорӣ 2. *перен. разг.* истеҳзои заҳролуд // одами тунд, одами тундмизоҷ (тундхӯ), одами сахтгап ◇ **зада́ть пе́рцу** *кому прост.* ҷазо додан, сарзаниш (коҳиш) кардан, танбеҳ додан

перецара́пать *сов. кого-что (всех, многих или во многих местах)* ханҷол кардан, чангол задан, харошидан

перецарапа||ться *сов.* 1. якдигарро ханҷол кардан (чангол задан); **ко́шки ~лись** гурбаҳо якдигарро ханҷол карданд 2. *разг.* харошида шудан; **~ться о колю́чки** ба хорҳо бархурда харошида шудан

перецара́пывать(ся) *несов. см.* **перецара́пать(ся)**

перецеди́ть *сов. что* 1. аз нав (такроран) соф кардан, дубора полудан (тақтир кардан) 2. *(всё, многое)* соф кардан, полудан 3. [*чизеро*] соф карда ба зарфи дигар рехтан

перецёживать *несов. см.* **перецеди́ть**

перецелова́ть *сов. кого-что (всех, многих)* бӯсобӯсӣ кардан, аз як сар бӯсидан, муччӣ кардан

перецелова́ться *сов. (со всеми, многими, о всех, многих)* якдигарро муччӣ (бусобусӣ, муччӣ-муччӣ) кардан

перецепи́ть *сов. что* аз нав бастан (банд кардан), дубора (ба тарзи дигар) пайваст кардан; ~ **ваго́ны** вагонҳоро аз сари нав пайвастан

перецёпка *ж (по знач. гл.* **перецепи́ть***)* аз нав (ба тарзи дигар) пайвастан(и)

перецепля́ть *несов. см.* **перецепи́ть**

перечека́нивать *несов. см.* **перечека́нить**

перечека́нить *сов. что* 1. аз нав сикка (зарб) задан, ба тарзи дигар сикка задан; ~ **моне́ту** тангаро аз нав сикка задан 2. *(всё, многое)* аз як сар сикка (зарб) задан

перечека́нка *ж (по знач. гл.* **перечека́нить***)* аз нав сикказанӣ, ба тарзи дигар сикказанӣ; ~ **ста́рой моне́ты** дубора сикка задани тангаи кӯҳна

пе́речень *м* руйхат, номгуй, феҳрист: ~ **книг** руйхати китобҳо; ~ **това́ров** номгуи молҳо

перечёркать, перечеркать *сов. что разг. (всё, многое)* хат задан, кӯр кардан; ~ **всю ру́копись** тамоми дастнависро хат задан

перечёркивание *с (по знач. гл.* **перечеркну́ть** *и* **перечёркать***)* хат задан(и), кӯр кардан(и)

перечёркивать *несов. см.* **перечеркну́ть** *и* **перечёркать**

перечёркиваться *несов. страд.* хат зада шудан

перечеркну́ть *сов. что* хат задан, кӯр кардан; ~ **страни́цу** саҳифаро хат задан

перечерни́ть *сов. что разг.* 1. сип-сиёҳ кардан, бисьёр сиёҳ кардан 2. *(всё, многое)* сип-сиёҳ кардан, ранги сиёҳ молидан

перечерня́ть *несов. см.* **перечерни́ть**

перечерти́ть *сов. что* 1. аз нав кашидан, бори дигар кашидан, аз нав нақш кардан; ~ **чертёж** нақшаро аз нав кашидан 2. нусха бардоштан; ~ **на ка́льку** ба руи коғази шафоф нусха бардоштан 3. *разг. (всё, многое)* нақша кашидан, нигоштан

перечёрчивание *с (по знач. гл.* **перечерти́ть***)* аз нав кашидан(и), аз нав нақш кардан(и); ~ **чертеже́й** аз нав кашидани нақшаҳо

перечёрчивать *несов. см.* **перечерти́ть**

перечёрчиваться *несов. страд.* аз нав кашида шудан

перечеса́ть *сов.* 1. *кого-что* аз нав шона кардан, бори дигар шона кардан 2. *кого разг. (всех, многих)* шона кардан 3. *что (всё, многое)* тит кардан, наддофӣ кардан; ~ **всю шерсть** ҳамаи пашмро наддофӣ кардан

перечеса́ться *сов. разг.* муи худро аз нав шона кардан, ба тарзи дигар шона кардан

перече́сть I *см.* **пересчита́ть** ◇ **по па́льцам мо́жно ~** ангуштшумор аст, хеле кам аст

перече́сть II *см.* **перечита́ть**; ~ **письмо́ не́сколько раз** мактубро гаштаю баргашта хондан, мактубро такрор ба такрор хондан

перечёсывание *с (по знач. гл.* **перечеса́ть***)* аз сари нав шона кардан(и)

перечёсывать *несов. см.* **перечеса́ть**

перечёсываться *несов.* 1. *см.* **перечеса́ться**; 2. *страд.* аз сари нав шона карда шудан

перечёт *м разг.* 1. *(по знач. гл.* **пересчитать**) дубора шумурдан(и); аз нав ҳисоб кардан(и), ҳисоби такрорӣ 2. руйхат, номгӯй, феҳрист

перечи́нивать *несов. см.* **перечини́ть**

перечини́ть *сов. что разг.* 1. *(всё, многое)* дуруст (таъмир) кардан; ямоқ (дарбеҳ) кардан, пина духтан; ~ **все мешки́** ҳамаи лингачаҳоро дарбеҳ кардан 2. *(всё, многое)* тез кардан, тарошидан 3. аз нав тез кардан; ~ **каранда́ш** нуги қаламро аз нав тез кардан

перечисле́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **перечи́слить**) як-як шумурдан(и), номбар кардан(и), як-як ном бурдан(и); гузарондан(и); **поимённое ~ уча́стников соревнова́ния** як-як ном бурдани иштирокчиёни мусобиқа; ~ **де́нег** гузарондани пул 2. *фин.* маблағи гузароншуда; **поступи́ло ~ на теку́щий счёт** ба ҳисоби ҷорӣ пул гузаронда шуд 3. *(перечень)* руйхат, номгуй, феҳрист

перечи́слить *сов.* 1. *кого-что* як-як шумурдан, ном ба ном гуфтан, номбар кардан, як-як ном бурдан; ~ **прису́тствующих** ҳозиронро як-як ном бурдан 2. *кого-что* гузарондан; ~ **в запа́с** ба захира гузарондан 3. *что фин.* гузарондан; ~ **де́ньги на теку́щий счёт** ба ҳисоби ҷорӣ пул гузарондан

перечи́слиться *сов.* гузаронда шудан

перечисля́ть *несов. см.* **перечи́слить**

перечисля́ться *несов.* 1. *см.* **перечи́слиться**; 2. *страд.* як-як шумурда шудан

перечи́стить *сов. что* 1. *(всё. многое)* тоза (пок, покиза) кардан, тамиз кардан; ~ **всю о́бувь** ҳамаи пойафзолҳоро тоза кардан 2. аз нав тоза кардан, бори дигар пок кардан

перечита́ть *сов. что* 1. аз нав хондан, такроран хонда фуровардан, гашта-баргашта хондан; такроран мутолиа кардан; **ещё раз ~ письмо́** мактубро як бори дигар хондан 2. *(всё, многое)* хондан, хонда баромадан, мутолиа кардан

перечи́тка *ж разг. см.* **перечи́тывание**

перечи́тывание *с (по знач. гл.* **перечита́ть**) аз нав хондан(и), гаштаю баргашта хондан(и), такроран мутолиа кардан(и)

перечи́тывать *несов. см.* **перечита́ть**

перечи́тываться *несов. страд.* аз нав хонда шудан

пере́чить *несов. кому разг.* эътироз кардан, эрод гирифтан, чуну чаро кардан, зид баромадан

перечища́ть *несов. см.* **перечи́стить**

пе́речница *ж* мурчдон, қаламфурдон ◇ **чёртова ~** *прост.* кампири ҷалоҷин, ҷангара, ҷанҷолӣ

пе́речный, -ая, -ое ...и мурч, ...и қаламфур, ...и филфил

перечу́вствовать *сов. что (всё, многое)* аз сар гузарондан, таҳаммул кардан

переша́гивать *несов. см.* **перешагну́ть**

перешагну́ть *сов. что, через что* қадам партофта (монда) гузаштан; ~ **[че́рез] поро́г** [қадам партофта] аз остона гузаштан // *перен. (преодолеть)* бартараф кардан, паси сар кардан *(ягон ҳиссиётро)* // *тж. за что (перейти за какой-л. предел)* гузаштан, убур кардан

переша́рить *сов. что прост. (всё, многое)* кофтуков (тагуру) карда кофтан

переше́ек *м геогр.* гардана, барзах

перешёптывание *с (по знач. гл.* **перешёптываться**) ба якдигар пичир-пичир кардан(и), ба якдигар пичиррос задан(и), ба ҳамдигар гушакӣ гуфтан(и); *(звуки)* пичир-пичир

перешёптываться *несов.* ба якдигар пичир-пичир кардан, ба якдигар пичиррос задан, ба ҳамдигар гушакӣ гуфтан

перешиба́ть *несов. см.* **перешиби́ть**

перешиб||и́ть *сов. что* 1. *разг.* зада шикастан (ду бул) кардан; **плётью о́буха не ~ёшь** *погов.* ≈ пушти ману табари қассоб 2. *перен. прост. (превзойти)* пеш гузаштан ◇ **соплёй ~ёшь** *груб.* чуррук, нимҷон

перешива́ние *с см.* **переши́вка**

перешива́ть *несов. см.* **переши́ть**

перешива́ться *несов. страд.* аз нав духта шудан

переши́вка *ж (по знач. гл.* **переши́ть**) аз нав (дигар навъ) духтан(и); ~ **пла́тья** аз нав духтани курта

переши́ть *сов. что* 1. аз нав духтан, дигар навъ духтан; ~ **костю́м** костюмро аз нав дӯхтан 2. *(обшить заново досками и т. п.)* аз нав тахтапӯш (руйкаш) кардан 3. *разг. (всё, многое)* бисьёр духтан

перешлифова́ть *сов. что* 1. аз сари нав суфта кардан, боз як бори дигар ҷило (пардоз) додан; ~ **дета́ль маши́ны** ҷузъи мошинро як бори дигар пардоз додан 2. *(всё, многое)* суфта кардан, сайқал, ҷило (пардоз) додан

перешлифо́вка *ж (по знач. гл.* **перешлифова́ть**) аз сари нав суфта кардан(и)

перешлифо́вывать *несов. см.* **перешлифова́ть**

перешнурова́ть *сов. что* 1. аз сари нав ресмон гузарондан; ~ **боти́нок** ба ботинка аз сари нав ресмон гузарондан 2. *(всё, многое)* ресмон гузарондан

перешнуро́вывать *несов. см.* **перешнурова́ть**

перешпи́ливать *несов. см.* **перешпи́лить**

перешпи́лить *сов. что разг.* ба ҷои дигар халондан *(мас. сарсӯзанро)*

перештемпелева́ть *сов. что* 1. аз сари нав муҳр задан, дубора тамға задан 2. *(всё, многое)* муҳр (тамға) задан; ~ **все пи́сьма** ба ҳамаи мактубҳо тамға задан

перештемпелёвывать *несов. см.* **перештемпелева́ть**

перешто́пать *сов. что* 1. *(всё, многое)* бофта ямоқ (дарбеҳ) кардан, руфӯ кардан; ~ **все чулки́** ҳамаи ҷуробҳоро руфу кардан 2. аз сари нав бофта ямоқ (дарбеҳ) кардан, дубора руфу кардан

перешто́пывать *несов. см.* **перешто́пать**

перештукату́ривать *несов. см.* **перештукату́рить**

перештукату́рить *сов. что* 1. аз сари нав андова кардан, дубора ловидан; ~ **сте́ну** деворро аз сари нав андова кардан 2. *(всё, многое)* андова кардан, андовидан, ловидан

перешу́чиваться *несов. разг.* бо якдигар ҳазлу шӯхӣ кардан, бо ҳамдигар мутоиба кардан

перещеголя́ть *сов. кого-что разг.* бартарӣ кардан, пешдастӣ кардан, пеш гузаштан, сабқат кардан

перещипа́ть *сов. кого-что* 1. *(ущипнуть всех, многих)* чимдӣ кардан, пучидан 2. *(ощипать всех, многих)* кандан, пар кандан, мӯй кандан

перещу́пать *сов. что* даст-даст карда дидан, палмосидан, ламс кардан

перещу́пывать *несов. см.* **перещу́пать**

переэкзаменова́ть *сов. кого-что разг.* 1. аз сари нав имтиҳон кардан (гирифтан), такроран санҷидан 2. *(всех, многих)* имтиҳон кардан (гирифтан), санҷидан

переэкзаменова́ться *сов. разг.* аз сари нав имтиҳон додан (супурдан), дубора аз имтиҳон гузаштан

переэкзамено́вка *ж* имтиҳони дубора, санҷиши такрорӣ

переэкзамено́вывать *несов. см.* **переэкзаменова́ть**

переэкзамено́вываться *несов.* 1. *см.* **переэкзаменова́ться**; 2. *страд.* аз нав имтиҳон карда шудан

переярок *м обл.* хайвони солгашт (яксола), хайвони порсола *(одатан гӯсфанд, гург)*

пе́ри *ж нескл.* пари, ҳур

периге́й *м астр.* перигей *(нуқтаи ба Замин наздиктарини хатти ҳаракати Моҳ, ҳамроҳи сунъӣ ё киштии фалакпаймо)*

периге́лий *м астр.* перигелий *(нуқтаи ба Офтоб наздиктарини хатти ҳаракати сайёра ё кометаҳо)*

перика́рд *м* перикард *(пардаи беруниии дил, пардаи зоҳирии мушакҳои дил)*

перикарди́т *м* перикардит *(илтиҳоби перикард)*

пери́ла *тк. мн.* панҷара, катора(к), маҳҷар; ~ **ле́стницы** панҷараи зина

пери́льн||ый, -ая, -ое панҷарагӣ, ...н болои панҷара, ...и қатора(к); **~ые бру́сья** чӯбҳои болои панҷара

пери́льца *тк. мн. уменьш. к* **пери́ла**

пери́метр *м мат.* периметр; ~ **треуго́льника** периметри секунҷа

периметри́ческий, -ая, -ое *мат.* периметрӣ, ...и периметр

пери́на *ж* парбистар, бистари пар, бистари пари қу

пери́нный, -ая, -ое ...и парбистар; ~ **чехо́л** ҷилди бистари парин

пери́од *м* 1. давр, давра, замон, марҳила, вақт, муддат; **послевое́нный ~**

давраи баъди ҷанг, замони пас аз ҷанг; **в течение короткого ~а времени** дар як муддати кутоҳ 2. *(цикл)* муддат, вақт; **~ колебания** *физ.* даври лаппиш 3. *геол.* давр, давра; **каменноугольный ~ палеозойской эры** давраи ангиштсанги аҳди палеозой 4. *мат.* даври касрӣ *(гурӯҳи рақамҳои такроршаванда дар касри аъшории беинтиҳо)* 5. *грам.* ибора, фикра; **простой ~** иборaи (фикраи) содда *(бо як ҷумлаи асосӣ)*; **сложный ~** ибораи (фикраи) мураккаб *(бо бисьёр ҷумлаҳои асосӣ)* ◇ **вегетационный ~** даври расиш; **инкубационный ~** давраи инкубационӣ

периодизация *ж* ба давраҳо (ба марҳилаҳо) тақсимкунӣ, ба давраҳо (ба марҳилаҳо) тақсимшавӣ; **~ русской литературы** ба давраҳо тақсимкунии адабиёти рус

периодика *ж собир.* матбуот, матбуоти даврӣ; **научная ~** матбуоти даврии илмӣ

периодически *нареч.* такроран, вақт-вақт

периодическ||ий, -ая, -ое 1. даврӣ, мавсимӣ; ...и вақт-вақт такроршаванда; **~ий ремонт** ремонти вақт-вақт 2. даврӣ; **~ие издания** нашриёҳои даврӣ; **~ая печать** матбуоти даврӣ *(рузномаҳо ва маҷаллаҳо)* ◇ **~ая дробь** *мат.* касри аъшории даврии беинтиҳо; **~ая система элементов** системаи даврии элементҳо

периодичность *ж* даврият, даврӣ будан(и); такроршаванда будан(и)

периодичный, -ая, -ое *см.* **периодический** 1

перипатетизм *м филос.* перипатетизм *(таълимоти перипатетикҳо)*

перипатетик *м* перипатетик *(шогирд ва пайрави файласуфи Юнони Қадим Арасту)*

перипатетическ||ий, -ая, -ое *филос.* перипатетикӣ; **~ая школа** равияи перипатетикӣ

перипети||и *мн.* (*ед.* **перипетия** *ж*) душвориҳо, мураккабиҳо; **много разных ~й испытал он в жизни** вай дар зиндагонии худ бисьёр сахтиҳоро аз сар гузаронд

перископ *м* перископ; **~ подводной лодки** перископи киштии зериобӣ

перископический, -ая, -ое ...и перископ, перископӣ

перископн||ый, -ая, -ое ...и перископ; **~ое зеркало** оинаи перископ

перистальтика *ж физиол.* перистальтика, ҳаракати кирммонанд; **~ желудка (кишок** *и т. п.*) ҳаракати кирммонанди меъда (рудаҳо *ва ғ.*)

перистальтическ||ий, -ая, -ое *физиол.* перистальтики, ... перистальтика, ...и ҳаракати кирммонанд; **~ие сокращения пищевода** ҳаракати кирммонанди сурхруда

перистиль *м архит.* перистиль *(ҳавлӣ, боғ ё майдони росткунҷа, ки бо қаторсутунҳои болопуш иҳота шудааст)*

перистолистн||ый, -ая, -ое ...и баргҳояш паршакл (пармонанд); **~ое растение** растании баргҳояш пармонанд

перист||ый, -ая, -ое 1. *зоол.* пардор, парнок; патдор 2. пармонанд, патмонанд; **~ые облака** абрҳои пармонанд; **~ые листья** баргҳои пармонанд 3. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои ботаники:* **~ый клён** заранги баргҳояш паршакл

перитонит *м мед.* перитонит *(варами пардаи руи шикамба)*

периферийный, -ая, -ое ...и музофот, музофотӣ, ...и маҳалли ғайримарказӣ, канорӣ; **~ работник** коркуни музофот

периферическ||ий, -ая, -ое *мед.* ғайримарказӣ; **~ая нервная система** системаи ғайримарказии асабҳо; силсилаи торҳои руякии асабҳо

перифери||я *ж* музофот, маҳалли ғайримарказӣ, гушаву канорҳо; **приехать с ~и** аз музофот омадан; **работать на ~и** дар музофот кор кардан

перифраз *м*, **перифраза** *ж лит.* перифраза *(ифодае, ки маънои ягон ифодаи дигарро бо шарҳ ва эзоҳи маъмули таъбир мекунад. Чунончи, ба ҷои «шер» «подшоҳи ҳайвонот» гуфтан ё навиштан)*

перифразировать *сов., несов. кого-что лит.* ба тарзи дигар баён кардан

перифразировка *ж* 1. *(по знач. гл.* **перифразировать**) ба тарзи дигар баён кардан(и) 2. *лит.* суханони шарҳу эзоҳёфта

перифрастический, -ая, -ое *лит.* ...и шарҳу эзоҳёфта; **~ оборот** ибораи эзоҳёфта

пёрка *ж тех.* нештари пармаи дастӣ

перкалевый, -ая, -ое *текст.* перкалӣ, ...и перкаль

перкаль *м, ж текст.* перкаль *(матои нафиси бадошти ресмонӣ, ки дар техника ба кор меравад)*

перкуссионный, -ая, -ое *мед.* перкуссионӣ, ...и перкуссия; **~ метод исследования** усули перкуссионии тафтиш

перкуссия *ж мед.* перкуссия *(усули бо болғача ё бо ангушт баданро куфта, аз руи овози он муайян кардани вазъияти узвҳои дохилии бемор)*

перкутировать *сов. несов. кого-что мед.* беморро бо усули перкуссия тафтиш кардан

перл *м* 1. *уст.* дур(р), гавҳар, дурдона, марворид 2. *перен.* намунаи беҳтарин; **~ы остроумия** дурдонаҳои зарофат; ҳазлҳои намакин

перламутр *м* садаф

перламутровка *ж зоол.* шабпараки садафранг

перламутров||ый, -ая, -ое ...и садаф, садафин; **~ые пуговицы** тугмаҳои садаф // *перен.* садафмонанд; **~ые зубы** дандонҳои садафмонанд

перлит *м тех.* перлит (1. *шишаи вулканӣ* 2. *омехтаи оҳан бо карбиди оҳан — яке аз ҷузъҳои таркибии пулод ва чуян)*

перлитн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и перлит, перлитдор; **~ая сталь** пулоди перлитдор; **~ый чугун** чуяни перлитдор

перловка *ж разг.* ярмаи ҷав

перлов||ый, -ая, -ое ...и ярмаи ҷав, аз ярмаи ҷав пухташуда; **~ый суп** шӯрбои ярмаи ҷав ◇ **~ая крупа** ярмаи ҷав

перлон *м* перлон *(лифи сунъии синтетики, инчунин матои аз ин гуна лиф бофташуда)*

перлюстрационный, -ая, -ое ...и перлюстрация, ...и тафтиши мукотибот; **~ отдел** шуъбаи тафтиши мукотибот

перлюстрация *ж* перлюстрация, тафтиши мукотибот *(бо мақсади цензура)*

перлюстрировать *сов., несов. что* перлюстрация кардан, мукотиботро тафтиш кардан; **~ письма** мактубҳоро тафтиш кардан

перлюстрироваться *несов. страд.* перлюстрация (тафтиш) карда шуда

перманент *м разг.* перманент *(усули оройиши мӯй)*

перманентность *ж* давомиятнокӣ, пайвастагӣ, муттасилӣ, бефосилагӣ

перманентн||ый, -ая, -ое (перманентен, -на, -но) давомдор, пайваста, муттасил, бефосила; **~ое развитие** инкишофи муттасил

пермск||ий, -ая, -ое ...и Пермь, пермӣ ◇ **~ий период**; **~ая система** *геол.* давраи Пермь; силсилаи Пермь *(даври панҷуми аҳди палеозой дар таърихи Замин)*

пермяки *мн. уст.* пермякҳо *(номи куҳнаи коми-пермякҳо)*

пермяцкий, -ая, -ое *уст.* ...и пермякҳо

пернатый, -ая, -ое 1. пардор, парнок, болдор, қанотдор 2. *в знач. сущ.* **пернатые** *мн.* паррандаҳо, паррандагон, мурғон

пернач *м уст. (булава)* гурз, шашпар, кавкаба

пер||о *с* 1. *тж. собир.* пар, бол, қанот; **куриное ~о** пари мурғ; **рулевые перья** парраҳои думӣ 2. *собир.* **~** *(птицы)* паррандаҳо, мурғон 3. қалам, қалами пулодӣ, перо; **гусиное ~о** пари қоз; **стальное ~о** қалами пулодӣ; **чертёжное ~о** перои нақшакашӣ 4. *тк. ед. перен.* услуб, қалам; **у него острое ~о** қаламаш бурро; **бойкое ~о** қалами тез 5. *(плавник рыбы)* боли (қаноти) моҳӣ 6. **~** *(лука, чеснока)* барги пиёз (саримсоқ) 7. *(лопасть)* парра, чарх; **~о руля** парраи суккон; **~о весла** парраи белли заврақ ◇ **вечное ~о** қалами худнавис, авторучка; **ворона в павлиньих перьях** зоғи товусторош; гандумнамои ҷавфуруш; **проба ~а** машқи қаламкашӣ (асарнависӣ); асари нахустин; **разбойники ~а** қаламкашони зархарид; [**одним**] **росчерком ~а** бо як қалам задан, бо як қаламдавонӣ; **ни пуха ни ~а!** барори кор!; **владеть ~ом** соҳибқалам будан; **выйти из-под ~а** *кого, чьего книжн.* ба қалами касе мансуб будан (тааллуқ доштан)

перочинный, -ая, -ое: **~ нож** (**ножик**) қаламтарош, кордча, чоку

перочистка *ж* қаламтозакунак, перотозакунак

перпендикуляр *м* перпендикуляр,

ти амудӣ, амуд; **опустить** ~ перпендикуляр кашидан

перпендикулярность *ж* перпендикулярнокӣ; ~ **линий** перпендикулярнокии хатҳо

перпендикулярн||ый, -ая, -ое (перпендикуляр/ен, -на, -но) ...и перпендикуляр, амудӣ, ...и хати амудӣ; ~**ая линия** хати перпендикуляр

перпетуум-мобиле *с нескл.* муҳаррики доимӣ; ҳаракати абадӣ

перрон *м* перрон

перронный, -ая, -ое ...и перрон, перронӣ; ~ **билет** билети перрон

перс *м* форс, эронӣ

перси *тк. мн. уст. поэт.* пистон

персидский, -ая, -ое форсӣ, эронӣ; ~ **язык** забони форсӣ ◇ ~ **порошок** *уст.* хокаи алафи бобуна, доруи кайк

персик *м* 1. дарахти шафтолу 2. шафтолу

персиков||ый, -ая, -ое ...и шафтолу, шафтолугӣ, шафтолугин; ~**ое варенье** мураббои шафтолу (шафтолугин); ~**ое масло** равғани донаи шафтолу

персияне *мн. уст. см.* **персы**

персиянин *м уст. см.* **перс**

персиянка *ж* зани форс, духтари форс, форсдухтар, эронизан, эрондухтар

персон||а *ж* 1. *книжн.* шахс, симо; фард; зот; **важная** ~**а** зоти муътабар 2. кас, нафар, одам; **сервиз на двенадцать персон** зарфҳои хуроккурӣ (чойнушӣ) барои дувоздаҳ кас; **обед на шесть персон** хурок барои шаш нафар ◇ ~**а грата** *дип.* шахси мақбул (*шахсе, ки номзадии вайро ба вазифаи дипломати дар ягон давлат худи ҳамин давлат маъқул ёфтааст*); ~**а нон грата** *дип.* шахси номақбул; **собственной** ~**ой** *ирон.* шахсан; ҷаноби худашон; худи худашон; **явиться собственной** ~**ой** *ирон.* шахсан ҳозир шудан; шахсан ташриф овардан

персонаж *м* персонаж, қаҳрамон; ~ **пьесы** персонажи пьеса; **положительный** ~ қаҳрамони мусбат

персонал *м* ҳайати коркунони ягон муассиса; ~ **театра** ҳайати коркунони театр; **медицинский** ~ ҳайати кормандони тиббӣ

персонализм *м филос.* персонализм (*ҷараёни идеалистии фалсафаи буржуазии муосир, ки шахсро моҳияти ҳасти ҳисоб мекунад*)

персонально *нареч.* шахсан; як-як; **известить о собрании всех** ~ дар бораи маҷлис ҳамаро як-як огоҳонидан

персональн||ый, -ая, -ое шахсӣ; ~**ая ответственность** масъулияти шахсӣ; ~**ое приглашение** даъвати шахсӣ; ~**ая пенсия** нафақаи шахсӣ; ~**ый пенсионер** нафақахури шахсӣ

перспектив||а *ж* 1. перспектива (*як тарзи расмкашии бо нишон додани тағьироти ҷасомат, равшан ё хира намудоршавии чизҳо мутобиқан ба масофаи байни он чизҳо ва бинанда*); **законы** ~**ы** қонунҳои перспектива 2. намуд, манзара, манзараи табиат; дурӣ; **из окна открывалась прекрасная** ~**а** аз тиреза манзараи бисьёр зебо намудор буд 3. *чаще мн.* **перспективы** *перен.* тавақкуъ, истиқбол, оянда, пешомад; имконият; **генеральная** ~**а развития общества** имкониятҳои асосии тараққиёти ҷамъият; **понимание исторической** ~**ы** фаҳмидани пешомади таърихӣ; **хорошие** ~**ы на урожай** пешомади ҳосили хуб

перспективность *ж* перспективанокӣ,ояндадор будан(и)

перспективн||ый, -ая, -ое (перспективен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* перспективӣ; ~**ое изображение** тасвири перспективӣ 2. *тк. полн. ф.* перспективӣ; ~**ый план развития народного хозяйства** плани перспективии тараққиёти хоҷагии халқ 3.ояндадор, пешомадаш калон; ~**ый спортсмен** варзишгариояндадор

перст *м уст.* ангушт, лела(к) ◇ ~ **судьбы** *книжн.* нишонаи тақдир; **один как** ~ яккаву танҳо; як сари қоқ; як сару ду гуш

перстень *м* ангуштар, ангуштарин, хотам

перстневидный, -ая, -ое *анат.* ангуштармонанд; ~ **хрящ** тағояки ангуштармонанд

персть *ж уст. книжн.* (*земной прах*) хок, гард, ғубор, гарду ғубор

персы *мн.* форсҳо

пертурбационный, -ая, -ое *астр.* пертурбационӣ, ...и пертурбация

пертурбация *ж* 1. *книжн.* пертурбация, таҳаввули ногаҳонӣ 2. *астр.* пертурбация (*тағьири роҳи ягон сайёра аз таъсири қувваи ҷозибаи сайёраҳои дигар*)

перуанец *м* перугӣ

перуанка *ж* занаки перугӣ, духтари перугӣ

перуанск||ий, -ая, -ое перугӣ, ...и Перу; ~**ое население** аҳолии Перу ◇ ~**ий бальзам** балисони (марҳами) Перу (*моеи равғанини хушбуй, ки дар тиб ва истеҳсоли атриёт истифода мешавад*)

перуанцы *мн.* перугиҳо

перфект *м грам.* перфект (*замони гузаштаи феъл дар баъзе забонҳо*)

перфокарта *ж тех.* (**перфорационная карта**) перфокарта (*дар ҳисобмошин*)

перфоратор *м* 1. перфоратор, болғаи кӯҳканӣ 2. сурохкунак, шикофкунак

перфораторн||ый, -ая, -ое перфораторӣ, ...и перфоратор; ~**ый молоток** болғачаи перфораторӣ; ~**ое бурение** пармакунӣ бо перфоратор

перфорационн||ый, -ая, -ое перфорационӣ, ...и перфорация, сурохкунанда; ...и пармакунӣ; ~**ая машина** мошини сӯрохкунанда; ~**ая карта** *тех.* картаи перфорационӣ (*дар ҳисобмошин*)

перфорация *ж* 1. (*по знач. гл.* **перфорировать**) перфорация, сурох (шикоф) кардан(и); парма кардан(и); ~ **киноленты** перфорацияи навори кино 2. *мед.* сурох, сурохшавӣ; ~ **желудка** сурохшавии меъда 3. *тех., кино* шикофҳои ду канори навор

перфорирование *с см.* **перфорация** 1

перфорировать *сов., несов. что* 1. *мед.* сурох (шикоф) кардан, чок кардан; перфорация кардан; ~ **носовую перегородку** девораи биниро сурох кардан 2. *горн.* парма кардан 3. *тех., кино* сурох (шикоф) кардан; ~ **киноленту** навори кинорo перфорация кардан

перхать *несов. прост.* сулфидан, сулфа кардан

перхота *ж прост.* сулфаи хушк (*аз хоридани гулу*)

перхоть *ж* сабусаки сар (мӯй)

перцепция *ж психол.* идрок, фаҳмида гирифтан(и), дарк кардан(и), сарфаҳм рафтан(и)

перцовка *ж* араки қаламфур

перцовочный, -ая, -ое ...и араки қаламфурӣ

перцов||ый, -ая, -ое ...и мурч, мурчин; ...и қаламфур, қаламфурин; ~**ая настойка** араки қаламфур

перчатк||а *ж* даспушак, дасткаш; **вязаные** ~**и** даспушаки бофта ◇ **бросить** ~**у** 1) *кому уст.* ба ҷанги тан ба тан даъват кардан 2) *кому-чему* ба муборизa (ба мусобиқа) даъват кардан; **поднять** ~**у** *уст.* даъвати ҷанги тан ба танро қабул кардан

перчаточн||ый, -ая, -ое ...и дастпӯшак; ~**ое производство** истеҳсоли дастпушак, дастпушакдузӣ, дастпӯшакбофӣ

перченный *прич.* (перчен, -а, -о) мурч (қаламфур) пошидашуда

перченый, -ая, -ое бомурч, мурчдор; боқаламфур, қаламфурдор

перчинка *ж разг.* гардаки (зарраи) мурч; гардаки (зарраи) қаламфур

перчить *несов. что* мурч пошидан (задан, андохтан); қаламфур пошидан (задан, андохтан); ~ **мясо** ба гӯшт мурч задан

першерон *м* аспи боркаш

перш||ить *несов. безл. разг.* хоридан; **у меня в горле** ~**т** гулуям хорида истодааст

пёрышко *с уменьш.-ласк. к* **перо** 1, 3

пёс *м* 1. саг, кучук, саги нар 2. *перен. презр. и прост. бран.* саг ◇ ~ **его** (**её, их** *и т. д.*) **знает** *прост.* кӣ медонад?; номаълум; ~ **с ним** *прост.* ҷаҳаннам; **на кой** ~ *прост.* ба чӣ бало даркор [аст]?, ба сарат мезанӣ магар!

песенка *ж ласк. к* **песня** 1 ◇ **его** (**её, моя** *и т. д.*) ~ **спета** кораш (корам *ва ғ.*) тамом, ба сараш (сарам *ва ғ.*) об рехтанд

песенник *м* 1. сароянда, сурудхон, ҳофиз, нағмасаро; **хор** ~**ов** дастаи сурудхонҳо 2. суруднавис, таронасоз, нағмасоз; **поэт-**~ шоири суруднавис 3. (*сборник песен*) маҷмӯаи сурудҳо, маҷмӯаи нағамот

песенница *женск. к* **песенник** 1

песенный, -ая, -ое ...и суруд, ...и нағма; ~ **репертуар** феҳристи сурудҳо

песета *ж* песета (*воҳиди пул дар Испания*)

песец *м* рубоҳи шимолӣ; **голубой** ~ рубоҳи шимолии кабудчатоб ∥ (*мех*) пусти рубоҳи шимолӣ; **воротник из песца** гиребон аз пӯсти рӯбоҳи шимолӣ

пёс||ий, -ья, -ье *разг.* ...и саг; **~ья морда** фуки (тумшуки) саг

пескарь *м* пескарь (*як навъи моҳии хурди дарьёӣ аз ҷинси зағорамоҳӣ*)

пескомойка *ж* регсофкунак (*асбоб барои аз лою гил ва дигар омехтаҳо шуста тоза кардани рег*)

пескострýйный, -ая, -ое регпош, ...и регпошӣ

песиопевец *м уст. книжн.* 1. *церк.* муноҷотхон 2. шоир, нозим

песнопение *с* 1. *церк.* суруди динӣ, муноҷот 2. *уст. поэт.* манзума 3. *уст.* назм

песн||ь *ж* 1. *уст. см.* **песия** 1, 2; 2. *лит.* достон; **«Песиь о Роланде»** «Достони Роланд» ◇ **Песнь ~ей** шоҳасар

песия *ж* 1. суруд, тарона, ғазал, нағма; **иародная ~** суруди халқӣ 2. *лит.* достон, манзума 3. *муз.* суруд; **«Песня без слов» Чайковского** «Суруди бе сухан»-и Чайковский ◇ **долгая (длииная) ~** ин ришта сари дароз дорад; ин кори дилбазан аст; **лебедииая ~** асари охирин; **старая ~** тосу ҳаммоми кухна; Аҳмади порина; **играть песии** *обл.* сурудан, суруд (тарона, ғазал) хондан; **тянуть (петь) одну и ту же песию** ғазали кухнаро хондан

песо *с нескл.* песо (*воҳиди пули якчанд давлатҳои Америкаи Лотинӣ*)

песок *м* 1. рег; **жёлтый ~** реги зард; **золотоиосный ~** реги тиллодор 2. *мн.* **пески** регзор; **зыбучие пески** реги равон 3. *разг. то же, что* **сахарный ~** ◇ **сахариый ~** шакар; **~ сыплется** *у кого, из кого* биниашро гиред, ҷонаш мебарояд, фартут аст; **протереть с песком** *кого прост.* сахт сарзаниш (маломат) кардан, коҳиш (накуҳиш) кардан, танбеҳ додан; **строить на песке** ба руи об навиштан; **как ~ морской, как (что) песку морского** беҳадду ҳисоб, аз мӯи сар ҳам зиёд; чунон бисьёр, ки хар намехурад

песоч||ек *м ласк. к* **песок** ◇ **протереть с ~ком** *см.* **песок** (**протереть с песком**)

песочиица *ж* 1. *уст.* зарфи рег, регдон (*барои пошидани рег ба руи чизи навишташуда*) 2. *ж.-д.* қуттии рег (*барои бе такон ва ҳамвор ҳаракат кардани поезд*) 3. қуттии рег (*барои бозии бачагон*)

песочн||ый, -ая, -ое 1. регӣ, ...и рег, регдор; **~ая пыль** чанги (гарди) рег, чангу ғубори рег; **~ый ящик** қуттии рег 2. регранг, ...и ранги рег, регчатоб; **~ое пальто** пальтои регранг, пальтои рангаш ба рег монанд 3. *кул.* регак-регак, зулбиё; **~ый торт** торти регак-регак 4. *қисми таркибии баъзе номҳои зоологи ва ботаники* ...и регзор; **~ые осы** оруи регзор; **~ый камыш** наи регзор ◇ **~ые часы** соати регӣ

пессимизм *м* руҳафтодагӣ, афтодаруҳӣ, ноумедӣ, маъюсӣ; **впасть в ~** руҳафтода шудан

пессимист *м* маъюс, [одами] руҳафтода, ноумед

пессимистический, -ая, -ое маъюсӣ, ноумедона, ...и афтодаруҳӣ; **~ взгляд** ақидаи афтодаруҳӣ

пессимистичиость *ж* маъюсона будан(и), ноумедона будан(и)

пессимистичный, -ая, -ое (пессимистич|ен, -на, -но) *см.* **пессимистический**

пессимистка *женск. к* **пессимист**

пест *м* уғурдаста, ҳован(г)даста, дастаи ҳован

пестик *м* 1. *уменьш. к* **пест**; 2. *бот.* олати (узви) модинаи растанӣ

пестиковый, -ая, -ое *бот.* бо олати (бо узви) модинаи растанӣ афзоянда

пестициды *мн.* пестицидҳо (*заҳрҳои зидди ҳашароти зараррасон*)

пестичный, -ая, -ое *бот.* ...и олати (узви) модинаи растанӣ; **~ые цветки** гулҳои олати модинаи растанӣ

пестовать *несов. кого-что* 1. *уст. и обл.* нигоҳубин (парвариш, парасторӣ, доягӣ) кардан 2. *перен. высок.* бо муҳаббат парваридан, тарбия кардан, ба воя расондан

пестре||ть I *несов.* 1. (*виднеться*) рангоранг (ало-було) намудор шудан (тофтан), ранг ба ранг ҷило додан; **в траве ~ли цветы** дар байни алаф гулҳо рангоранг метофтанд // *чем, от чего* пур аз чизҳои рангоранг (ҳарранга) будан; **луг ~ет цветами** марғзор пур аз гулҳои ранг ба ранг аст 2. (*становиться пёстрым*) рангоранг (ало-було) шудан; **осенью леса ~ют** тирамоҳ бешаҳо рангоранг мешаванд

пестре||ть II *несов. чем и без доп.* (*часто попадаться*) дам ба дам ба чашм намоён шудан, пайваста (муттасил) намудор будан; зиёд вохурдан; **рукопись ~ла карандашными пометками** дар дастнавис қайдҳои бо қалам кардашуда дам ба дам вомехурданд; **всюду ~ли плакаты** дар ҳама ҷо шиорҳои рангоранг намоён буданд

пестреться *несов. уст. см.* **пестреть** I 1

пестри||ть *несов.* 1. *что* рангоранг (ало-було) кардан; **~ть ситец узорами** читро сернақшу нигор кардан 2. ранго-ранг тофтан, ало-було намудан; **материя ~т** матоъ рангоранг метобад 3. *безл.* биҷир-биҷир кардан, биҷиррос задан, чашмро бурдан; **у меня в глазах ~т от разноцветных огией** аз чароғҳои рангоранг чашм биҷир-биҷир мекунад (биҷиррос мезанад); чароғҳои ранга ба ранга чашмро бурданд 4. *чем перен.* бисьёр (пур) будан; **письмо ~т ошибками** мактуб аз хато пур аст, мактуб пури ғалат аст

пестрокрылки *мн. зоол.* (*ед.* **пестрокрылка** *ж*) магасҳои алоқанотак (рангинбол)

пестрокрылый, -ая, -ое рангинбол, рангорангбол, рангорангпар

пестрота *ж* рангорангӣ, сернақшунигорӣ, алоӣ, чипорӣ; **~ ткани** сернақшунигории матоъ; **~ окраски** рангорангӣ, серрангуборӣ, ало-булоӣ

пёстрый, -ая, -ое (пёстр, пестра, пёстро *и* пестро) 1. рангоранг, ҳарранга, рангин, сернақшу нигор, ало-було, чипор, хол-хол; **~ ковёр** қолини сернақш; **~ букет** гулдастаи рангоранг, дастаи гулҳои ранга ба ранга 2. *перен.* гуногун, омехта, ҳар хел, хел ба хел; **~ состав слушателей** ҳайати хел ба хели шунавандагон

пестрядёв||ый, -ая, -ое *обл.* ...и қаламӣ, ...и матои ресмонии дағалбофт; **~ая рубаха** куртаи қаламӣ

пестрядииа *ж см.* **пёстрядь**

пестрядииный, -ая, -ое *см.* **пестрядёвый**

пёстрядь *ж обл.* қаламӣ, матои ресмонии дағалбофт

пестрянки *мн. зоол.* (*ед.* **пестрянка** *ж*) шабпаракҳои рангинбол

пестун *м* 1. *уст.* мураббӣ, тарбиякунанда, тарбиятгари ғамхор, парваришкунанда 2. *обл.* хирсбачаи яксола

пестунья *женск. к* **пестун** 1

песцовый, -ая, -ое ...и рубоҳи шимолӣ; **~ мех** пусти рубоҳи шимолӣ

песчаник I *м* регсанг, санги регӣ. **глииистый ~** регсанги гилин

песчаник II *м* 1. *см.* **песчаика** 2; 2. (*суслик*) юрмони зард (зардранг)

песчаников||ый, -ая, -ое ...и регсанг, регсангӣ, ...и санги регӣ; **~ые отложения** таҳнишинҳои регсанг

песчанка *ж* 1. муши регзор 2. мурғаки регзор (*паррандае аз ҷинси қассобак*) 3. алафи регзор

песчан||ый, -ая, -ое 1. регӣ, регзор, регомез; **~ый берег** соҳили регзор; **~ое дно** қаъри регӣ 2. *қисми таркибии баъзе номҳои ботаники ва зоологи* ...и регзор; **~ая акация** [дарахти] акацияи регзор; **~ый барсук** савсори регзор

песчинка *ж* регреза (зарраи, донаи рег)

петарда *ж* петарда (1. *уст.* *гулӯлаи таркандаи қадимӣ* 2. *ж.-д.* *гулӯлаи тарканда, ки дар сурати хатарнок будани роҳ барои нигоҳ доштани поезд ҳамчун ишора парронда мешавад* 3. *мушаки коғазӣ барои оташбозӣ*)

петелька *ж уменьш к* **петля** 1, 4, 5

петельиый, -ая, -ое ...и банди тугма, ...и сӯрохи тугма

петит *м полигр.* петит, ҳарфи реза

петициониый, -ая, -ое ...и арзномаи (...и илтимосномаи) дастаҷамъӣ

петиция *ж* арзномаи (илтимосномаи) дастаҷамъӣ, илтимоснома (*аризаи муштараки расмӣ*)

петлица *ж* 1. (*петля*) сӯрохи тугмаи либоси руй 2. (*нашивка*) нишонаи латтагии ранга (*дар гиребон ё остини либоси расмӣ*)

петличка *ж уменьш. к* **петлица**

петличный, -ая, -ое ...и нишонаи латтагии ранга

петл||я *ж* 1. ҳалқа, гиреҳ; **завязать ~ю** гиреҳ задан; ҳалқа кардан (бастан); **спустить ~ю** ҳалқаро кушодан (яла кардан) 2. *перен.* ҳалқаи дор // *разг.* (*безвыходное положение*) вазъияти ноилоҷ; доми бало // *охот.* дом 3. (*круговое движение*) давр, даврзанӣ //*чаще мн.* **пётли** *охот.* ҳалқаи изи (гашти) ҳайвон; **заячьи ~и** ҳалқаҳои изи харгӯш 4. (*в одежде*) банди тугма, сӯрохи (ҳалқаи) тугма (чангак); **обметать ~** сӯрохи тугма духтан 5. ошиқ-маъшуқ

дверь соскочи́ла с пе́тель дар аз ошик-маъшуқаш баромадааст ◇ мёртвая ~я *ав.* ҳалқаи сокин; ~я **затя́гивается (сжима́ется)** вазъият сахт (бад) шуда истодааст; ~я **пла́чет** *по ком* сазои қатл[аст]; **влезть (попа́сть) в ~ю, очути́ться (оказа́ться) в ~е** ба дом афтидан, худро ба дом задан; **лезть в ~ю** ҷонбозӣ кардан; **наде́ть (наки́нуть) на себя́ ~ю** худро дар бало андохтан; худро ба бало монондан (гирифтор кардан); **сова́ть го́лову в ~ю** ба бало панҷа задан; **хоть в ~ю лезь** ноилоҷӣ, вазъияти ноҳинҷор

петля́||ть *несов. разг.* 1. давр задан, бо роҳи ҳалқамонанд (каҷ) рафтан // *(извиваться)* тоб (печутоб) хурдан, морпеч шудан; **тропи́нка ~ла в гора́х** пайраҳа дар кӯҳҳо печутоб хурда мерафт 2. *перен.* печ дар печ гап задан, гапро дароз кардан

петрогли́фы *мн.* петроглифҳо *(нақшҳои қадимии руи санг)*

петро́граф *м* маъданшинос, мутахассиси петрография

петрографи́ческий, -ая, -ое ...и маъданшиносӣ, петрографӣ, ...и петрография

петрогра́фия *ж* маъданшиносӣ, петрография *(як соҳаи геология аст, ки маъданҳои кӯҳиро аз ҷиҳати таркиб, мавқеъ ва таърихи пайдоиши онҳо меомузад)*

петрологи́ческий, -ая, -ое *см.* **петрографи́ческий**

петроло́гия *ж см.* **петрография**

петру́шечный, -ая, -ое ...и ҷаъфарӣ; ~ **ко́рень** решаи ҷаъфарӣ

петру́шка I *ж бот.* ҷаъфарӣ

петру́шка II 1. *м (кукла)* зоча, лӯхтак // чодирхаёл *(театри халқии лухтакбозӣ дар Россияи тореволюционӣ)* 2. *ж перен. прост. шутл.* ғалатӣ; ягон чизи (кори) бемаънӣ (беҳуда), масхарабозӣ; **вот так ~!** во аҷабо!, кори ғалатӣ-ку!, ана масхарабозӣ!

пету́ния, пету́нья *ж бот.* карнайчагул, патунӣ

пету́х *м* 1. хурус; **инде́йский ~** мурғи марҷон; хуруси мурғи марҷон 2. *перен. разг.* ҷангара, ҷангҷуй ◇ **кра́сный ~** оташдиҳӣ, сухтор; **пусти́ть [кра́сного] ~а** оташ задан (додан), сузондан, даргирондан; **встать с ~а́ми** вақти хурусҷеғ (бомдод) хестан, вақти бонги хурус хестан, саҳарии барвақт хестан; **пусти́ть ~а́** киғос задан, авҷи сурудро вайрон кардан; **до вторы́х ~о́в проговори́ть (просиде́ть)** то як поси шаб гап задан (нишастан)

пету́ший, -ья, -ье 1. хурусӣ, ...и хурус; ~ **гре́бень** тоҷи хурус 2. *қисми таркибии баъзе номҳои ботаники* ...и хурус; ~ **гребешо́к** гули тоҷи хурус

петуши́н||ый, -ая, -ое 1. хурусӣ, ...и хурус; ~**ое перо́** пари хурус 2. *перен.* ҷангара, ҷангҷуй зудхашм; ~**ый хара́ктер** мизоҷи тунд, тундмизоҷӣ, тундхуӣ 3. *(о голосе)* гушхарош, нофорам

петуши́ться *несов. разг.* хашмгин (оташин, тез) шудан, ҷангарагӣ кардан, барошуфтан

петушо́к *м разг.* 1. *уменьш.-ласк.* к петух 1; 2. *в знач. нареч.* **петушко́м** *(заискивающе)* аз паҳлу, оҳистаяк; хушомадгӯёна, тамаллуккорона 3. *в знач. нареч.* **петушко́м** *(задорно)* хашмгинона, ҷангҷуёна, тунду тез, густохона, хурусҷӯҷавор

петь *несов.* 1. *что и без доп.* хондан, сурудан (ғазалхонӣ, таронасароӣ, нағмасароӣ) кардан; ~ **пе́сню** суруд (ғазал) хондан; ~ **ба́сом** бо овози бам (равғани, ғафс) хондан; ~ **в о́пере** дар опера сурудхонӣ кардан 2. *кого-что* иҷро кардан; ~ **Оне́гина** Онегинро иҷро кардан 3. *(о птицах)* хондан, сурудан, ҷеғ задан, фарьёд кардан, бонг задан 4. *перен.* болидан, ҳаловат кардан, масрур шудан; фарахманд шудан; **душа́ поёт** дили кас меболад 5. *(о музыкальных инструментах)* садои хуш додан, савти навозишкор (форам) додан // *(о метели и т. п.)* уллос (ғуррос) задан 6. *что уст. и высок.* мадҳ гуфтан (кардан) ◇ ~ **дифира́мбы** ҳамду сано хондан, мадеҳа гуфтан; ~ **Ла́заря** нолидан, нолиш-нолиш кардан, беваноли́шӣ кардан; ~ **сла́ву** *кому́-л.* касеро васф (таъриф) кардан; ~ **с чужо́го го́лоса** таклидкорона гуфтан, фикри мустақил надоштан

пе́ться *несов.* 1. *безл.* майли сурудан доштан, ба ғазалхонӣ хоҳиш доштан, моили нағмахонӣ будан; **ему́ сего́дня не поётся** у имруз безавқ суруд мехонад; имрӯз булбулакашон намехонад 2. *страд.* суруда шудан

пехлеви́ *м нескл. (среднеперсидский язы́к)* паҳлавӣ *(забони форсии асрҳои 3—7)*

пехо́т||а *ж* қушуни пиёда, пиёдақушун; **служи́ть в ~е** дар қушуни пиёда хизмат кардан // *собир. разг.* пиёдааскарон, аскарони пиёдагард

пехоти́нец *м* аскари пиёда, пиёдааскар

пехо́тн||ый, -ая, -ое пиёда, ...и қушуни пиёда; ~**ая диви́зия** дивизияи пиёда; ~**ый офице́р** офицери қушуни пиёда

печа́ли||ть *несов. кого-что* ғамгин (андуҳгин, маҳзун) кардан; **его́ что-то ~т** ким-чӣ уро ғамгин мекунад; у аз чизе мутаассир аст

печа́ли||ться *несов.* ғамгин (андуҳгин, маҳзун) шудан; **что ты ~шься?** чаро ту ғусса мехурӣ?, чаро ту ғамгинӣ?

печа́л||ь *ж* ғам, ғусса, андуҳ, ҳузн, алам ◇ **не моя́ (твоя́, его́** *и т. д.*) ~**ь** кори ман (ту, вай *ва ғ.*) не, ба ман (ба ту, ба вай *ва ғ.*) дахл надорад; **мне (тебе́, вам** *и т. д.*) **кака́я (что за) ~ь** ба ман (ба ту, ба шумо *ва ғ.*) чӣ; **не было ~и, [так] че́рти накача́ли** *прост.* ≈ бе дарди саре нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам

печа́льно 1. *нареч.* маҳзунона, аламангезона, ғамгинона, боҳузн; ~ **улыба́ться** маҳзунона табассум кардан 2. *в знач. сказ.* афсус, таассуфангез, ҳайф; ~, **но э́то так** афсус, аммо воқеа ҳамин тавр аст; таассуфовар аст, вале чӣ илоҷ?

печа́льн||ый, -ая, -ое (печа́|лен, -льна, -льно) 1. маҳзун, ғамгин, пуралам, андуҳгин, ғамангез; ~**ый взгляд** нигоҳи маҳзун; ~**ая пе́сня** суруди ғамангез (ҳузновар) 2. *(вызывающий сожаление)* андуҳовар, аламнок, таассуфовар, дилгиркунанда; ~**ый слу́чай** воқеаи таассуфовар // *(дурной, бесславный)* бад, бешарафона, бадном ◇ ~**ой па́мяти** номаш гум; **ры́царь ~ого о́браза** ҷавонмарди маҳзуннамо (ғамзадасимо)

печа́тание *с (по знач. гл.* **печа́тать**) чоп, табъ, нашр, чоп кардан(и); ~ **книг** чопи (нашри) китобҳо

печа́тать *несов. что* 1. чоп (табъ, нашр) кардан, ба табъ расондан; ~ **кни́ги** китобҳоро чоп кардан 2. *фото* нусхаи аксро бардоштан, сурат баровардан; ~ **фотока́рточки** нусхаҳои аксро бардоштан 3. *(на пишущей машинке)* чоп кардан ◇ ~ **шаг** *воен.* низомиёна қадам задан

печа́таться *несов.* 1. чоп шудан, нашр гардидан, асарҳои худро чоп кардан, дарҷ шудан; ~ **в газе́те** асарҳои худро дар рузнома чоп кардан, дар рӯзнома чоп шудан 2. *страд.* чоп карда шудан

печа́тка *ж* 1. *(печать)* муҳрча, тамғача 2. порча, булак, тикка; ~ **мы́ла** як тикка собун

печа́тник *м* чопкунанда, табъкунанда

печа́тно *нареч.* дар матбуот, ба воситаи матбуот; ~ **заяви́ть** *о чём* дар матбуот арз (изҳор, баён) кардан

печа́тн||ый, -ая, -ое 1. ...и чоп, ...и матбаа, ...и нашр; ~**ое де́ло** кори матбаа, корҳои табъу нашр; ~**ая кра́ска** ранги чоп 2. чопшуда, нашршуда, табъшуда, чопӣ, матбуъ; ~**ые бла́нки** бланкҳои (варақаҳои) чопӣ; ~**ые изда́ния** нашрияҳои чопӣ; 3. ...и [шаклаш] чопӣ; **писа́ть ~ыми бу́квами** бо ҳарфҳои [шаклашон] чопӣ навиштан 4. тамғадор, нақшин, нақшбандондашуда; ~**ые пря́ники** кулчаҳои тамғадор ◇ ~**ый лист** *полигр.* ҷузъи чопӣ; ~**ое сло́во** асарҳои чопӣ, нашрия, матбуот

печа́тия *ж уст.* матбаа, чопхона

печа́точн||ый, -ая, -ое *уст.* муҳрдор, тамғадор; нақшин, нақшдор; ~**ое мы́ло** собуни нақшин

печа́т||ь *ж* 1. муҳр, тамға; **сургу́чная ~ь** муҳри сурғучин // *(оттиск)* мӯҳр, нақши муҳр; **поста́вить ~ь на докуме́нт** ба руи ҳуҷҷат муҳр задан (мондан, пахш кардан), ҳуҷҷатро мӯҳр кардан 2. *перен. книжн.* асар, таъсир, нишон, аломат, нақш; ~**ь вре́мени** таъсири вақт; таъсири муҳит; осори зиндагӣ; ~**ь волне́ния на лице́** аломати ҳаяҷон дар чеҳра; **наложи́ть ~ь** *на кого-что* асар гузоштан, таъсир расондан 3. *(процесс)* чоп, табъ; **вы́йти из ~и, появи́ться в ~и** чоп шудан, нашр гардидан, аз чоп баромадан, ба табъ расидан, интишор ёфтан 4. матбуот, матбаа; **рабо́тники ~и** коркунони матбуот; **свобо́да ~и** озодии матбуот; **обсужде́ние в ~и** муҳокима дар саҳифаҳои матбуот 5. чоп; **чёткая**

~ь чопи хона: **цветная ~ь** *полигр.* чопи рангин; **высокая ~ь** *полигр.* чопи барҷаста; **глубокая ~ь** *полигр.* чопи амиқ; **плоская ~ь** *полигр.* чопи тахт 6. матбуот; **периодическая ~ь** матбуоти даврӣ; **выступить в ~и** дар матбуот баромад кардан, дар саҳифаҳои матбуот асари худро чоп кардан ◇ **~ь молчания (безмолвия)** мӯҳри хомушӣ, манъи сухан; **книга за семью ~ями** муаммо

печенеги *мн.* печенегҳо *(қавми қадими туркнажод, ки дар асрҳои 9—11 дар ҷануби шарқии Европа кӯчманчигӣ мекард)*

печенежский, -ая, -ое ...и печенегҳо

печение *с (по знач. гл.* **печь** I) пухтан(и), •пазӣ; **~ хлеба** нонпазӣ

печёнк||а *ж* 1. ҷигар; **пирог с ~ой** санбусаи (пироги) ҷигардор 2. *разг. см.* **печень всеми ~ами (ненавидеть** и *т. п.) прост.* бисьёр сахт (аз ҳад зиёд, бо тамоми вуҷуд) бад дидан; **сидит у меня в ~ах** ба дилу ҷигарам зад

печённый *прич.* (печ|ён, -ена, -ено) пухташуда

печёночн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҷигар; **~ые клетки** ҳуҷайраҳои ҷигар // ...и ҷигар, гирифтори дарди (касалии) ҷигар; **~ый больной** гирифтори дарди ҷигар 2. ҷигардор, ҷигарин; **~ый паштет** қимаи ҷигарин, ҷигарқима; куфтаи ҷигар

печёный, -ая, -ое пухта, пухтагӣ, танурӣ, тагиалавӣ, гулахӣ; **~ картофель** картошкаи пухтагӣ (тагиалавӣ)

печен||ь *ж* ҷигар; **болезни ~и** касалиҳои ҷигар

печенье *с* печенье, кулчаҳои қандин; **сдобное ~** кулчаҳои равғанин

печк||а *ж* печка, танур, оташдон ◇ **чудо-~а** муъҷизапечка *(танурчаи оҳанӣ, ки онро дар болои чизе, мас. карасинка гузошта тафсондан мумкин аст)*; **танцевать от ~и** аз аввал (аз ибтидо) сар кардан

печник *м* устои печкасоз, танурсоз

печн||ой, -ая, -ое ...и печка, ...и танур; **~ая труба** карнаи (дудкаши) печка; **~ой дым** дуди печка // бо печка гармшаванда; **~ое отопление** гармшавии бо печка

печурка *ж* 1. печкаи хурд (мувaққатӣ), танурча 2. *обл.* чукурӣ, токча, равокча

печь I *несов.* 1. *что* пухтан; **~ хлеб** нон пухтан; **~ пироги** пирог (санбуса) пухтан 2. *что, во что и без доп.* сузондан, тафсондан, гарм кардан, ҳавр додан; **солнце печёт голову** офтоб сарро метафсонад (месузонад) 3. *безл. разг. (о чувстве жжения)* сухтан ◇ **~ как блины** *прост.* тез ва ба миқдори зиёд тайёр кардан

печь II *ж* 1. печь, печка, танур, оташдон; **русская ~** печи (оташдони) русӣ; **изразцовая ~** печи кошинкорӣ 2. кура; **плавильная ~** кураи гудозиш; **доменная ~** кураи домна; **мартеновская ~** кураи мартен ◇ **лежать на печи** дар танбалӣ руз гузарондан

печься I *несов.* 1. пухта шудан; **картофель печётся в золе** картошка дар хокистари оташдор пухта мешавад 2. *разг.* офтоб хурдан, гарм шудан 3. *страд.* пухта шудан

печься II *несов. о ком-чём* ғамхорӣ (дилсузӣ) кардан, ғами касеро хурдан; **~ о детях** дар бораи бачагон ғамхорӣ кардан

пешеход *м* пиёда, пиёдагард; **дорога для ~ов** роҳи пиёдагардҳо, роҳи пиёдагардӣ

пешеходн||ый, -ая, -ое 1. ...и пиёдагардӣ, ...и пиёдагардон; **~ое движение** рафтуои пиёдагардон; **~ый мост** пули пиёдагардӣ 2. пиёда; **~ые прогулки** саёҳати пиёда

пешечком *см.* **пешочком**

пешечн||ый, -ая, -ое *шахм...* и пиёда; **~ая атака** ҳамлаи пиёдагон

пеш||ий, -ая, -ее 1. пиёда, пиёдагард; **~ий отряд** дастаи пиёдагардҳо 2. пиёда; **~ий переход** гузариши пиёда, пиёдагузарӣ ◇ **~им ходом** *шутл.* бо ду пои худодод

пешк||а *ж* 1. *шахм.* пиёда; **пойти ~ой** бо пиёда гаштан 2. *перен. разг.* одами ночиз (оҷиз, ҳақир)

пешком *нареч.* пиёда; **идти ~** пиёда [роҳ] рафтан

пешня *ж* мисрони вазнин, мисрони дастадор

пешочком *нареч. разг.* пиёда, той-той

пещер||а *ж* ғор, мағора; **древние ~ы** мағораҳои қадим

пещерист||ый, -ая, -ое 1, серғор, сермағора; **~ый край** кишвари серғор 2. *анат.* серсӯрох, исфанҷмонанд; **~ая ткань** бофтаи серсурох

пещерник *м уст.* сокини ғор, мағоранишин, зоҳид; гушагузин

побе́д||а *ж* ғалаба, ғолибият, зафар, фатҳ, фирузӣ; **истори́ческая ~а** ғалабаи таърихи; **~а на вы́борах** ғалаба дар интихобот; **одержа́ть ~у** зафар кардан; **вериу́ться с ~ой** бо ғалаба баргаштан; **пра́здновать ~у** ба муносибати ғалаба тантана кардан ◇ **пи́ррова ~а** ғалабаи Пирр (*ғалабае, ки ба ивази қурбониҳои зиёде ба даст омада, натиҷааш ба шикаст баробар аст,— аз Пирр ном подшоҳи Эпир*)

победи́т *м* победит (*хулаи вольфрамии ниҳоят маҳкам*)

победи́тель *м* ғолиб, музаффар, фотеҳ, забардаст, фируз; баранда, комьёб; **~ спорти́вных состяза́ний** ғолиби мусобиқаҳои варзиш; **~ в социалисти́ческом соревнова́нии** ғолиби мусобиқаи социалисти

победи́тельница *женск. к* **победи́тель**

победи́товый, -ая, -ое ...и победит, аз победит сохташуда; **~ резе́ц** қалами победит

победи́ть *сов.* 1. *кого-что и без доп.* ғалаба кардан, ғолиб омадан, зафар (фатҳ) кардан, мағлуб намудан, фируз шудан; **~ врага́** бар душман ғолиб омадан; **~ в бою́** дар ҷанг ғалаба кардан 2. *перен.* забардаст баромадан, бурдан, комьёб шудан, муваффақ шудан; **~ в соревнова́нии** дар мусобиқа бурдан, мусобиқаро бурдан 3. *что перен.* нест (нобуд) кардан, барҳам додан, бартараф кардан; **~ за́суху** таъсири беобиро (бебороннро) барҳам додан; **~ страх** ҳисси тарсро аз худ бартараф кардан

побе́дн||ый I, -ая, -ое 1. ...и ғалаба, ...и зафар, ...и фатҳ, фатҳманд; **~ый клич** садои зафар; **идти́ ~ым ма́ршем** ғолибона пеш рафтан; **до ~ого конца́** то ғалабаи том, то муваффақияти кулл 2. *см.* **победоно́сный** 2

побе́дн||ый II, -ая, -ое *фольк.* (*горемычный*) бадбахт, сиёҳбахт, азобдида; **~ая голо́вушка** сари сахт, сарсахт

победоно́сн||ый, -ая, -ое (победоно́с|ен, -на, -но) 1. ғалабаовар, музаффар, ғалабанок, бофатҳу зафар; **~ая война́** ҷанги ғалабаовар; **~ый марш** марши зафар 2. *перен.* ғолибона, фотеҳона, музаффарона; **с ~ым ви́дом** ғолибона, бо қиёфаи фирузмандона

побежа́||ть *сов.* 1. давидан, давидан гирифтан // (*обратиться в бегство*) гурехтан, фирор кардан, ру ба гурез ниҳодан, роҳи гурезро гирифтан 2. (*о неодушевлённых предметах*) равон шудан, паҳн шудан; **по воде́ ~ли круги́** мавҷ дар руи об паҳн шуданд 3. рехтан, равон (ҷорӣ) шудан; **с гор ~ли ручьи́** аз кӯҳҳо ҷуйҳо ҷорӣ шуданд 4. (*о времени*) бо суръат равон шудан, гузаштан гирифтан; **дни ~ли за дня́ми** рузҳо паи ҳам гузаштан гирифтанд

побежда́ть *несов. см.* **победи́ть**

побе́жка *ж* тохт, тарзи тохт; **ры́систая ~** тохти резачорпо

побеле́ть *сов.* сафед шудан

побели́ть *сов. что* сафед кардан; **~ сте́ны** деворҳоро сафед кардан

побе́лка *ж* 1. (*по знач. гл.* **побели́ть**) сафед кардан(и); **~ ко́мнаты** сафед кардани хона 2. қабати оҳак (бур); **~ облупи́лась** қабати оҳак рехтааст, оҳаки девор рехтааст (шур зада баромадааст)

по-белору́сски *нареч.* белорусӣ, ба белорусӣ

побере́жн||ый, -ая, -ое ...и назди соҳил, ...и карона; **~ое селе́ние** деҳаи назди соҳил

побере́жье *с* соҳил, карона; **морско́е ~** соҳили баҳр

побере́||чь *сов.* 1. *что* нигоҳ (маҳфуз) доштан; эҳтиёт карда мондан; **~чь чужи́е ве́щи** чизҳои шахси бегонаро эҳтиёт карда мондан 2. *кого-что* эҳтиёт кардан, бо эҳтиёт рафтор кардан, эҳтиёткорӣ кардан; муҳофиза намудан; **~чь своё здоро́вье** саломатии худро эҳтиёт кардан; **~ги́ себя́** худатро эҳтиёт (муҳофиза) кун, аз худат эҳтиёт бош

побере́чься *сов.* худро эҳтиёт (муҳофиза) кардан

побесе́довать *сов.* андак сӯҳбат кардан, муддате гуфтугу кардан

побеси́ть *сов. кого разг.* муддате ба ғазаб овардан, муддате қаҳрро оварондан (хашмгин кардан)

побеси́ться *сов.* 1. *разг.* муддате дар ғазаб шудан, муддате хашмгин шудан 2. *перен. прост.* муддате шухӣ (ҳазл) кардан, муддате бозӣ кардан

побеспоко́ить *сов. кого-что* ташвиш (заҳмат) додан, беором (нороҳат) кардан; **разреши́те вас ~** иҷозат диҳед, шуморо ташвиш диҳам

побеспоко́иться *сов.* 1. муддате ташвиш кашидан (нороҳат шудан) 2. ғамхорӣ кардан, мушавваш шудан

побива́ть *несов. см.* **поби́ть** 2, 3

побира́ться *несов. разг.* гадоӣ (талабандагӣ) кардан

побира́шка *м, ж см.* **побиру́шка**

побиру́шка *м, ж прост.* гадой, талабанда; қашшоқ, нодор

поби́тие *с*: **~ реко́рда** шикастани рекорд

поби́||ть *сов.* 1. *кого-что* задан, кӯфтан, афгор кардан 2. *кого-что* ғалаба кардан, ғолиб омадан, забардаст шудан; **~ть проти́вника** бар душман ғолиб омадан; **он всех ~л в соревнова́нии** вай дар мусобиқа ҳамаро бурдааст (бар ҳама ғолиб омадааст); **~ть реко́рд** рекорди нав нишон додан 3. *кого* (*всех, многих*) яксон кардан, нобуд (нест) кардан, куштан, қир кардан 4. *что* (*растение*) задан, зада нобуд кардан; **град ~л посе́вы** жола киштро зада нобуд кардааст; **моро́зом ~ло расса́ду** *безл.* кӯчатро хунук задааст 5. *что* (*всё, многое*) шикастан, зада шикастан, майда-майда кардан; **~ть посу́ду** зарфҳоро зада шикастан ◇ **побе́й [меня́] бог** *прост.* нон занад, ки...; ба худо, ки...; **побе́й [меня́] бог, я не де́лал э́того!** худо занад, ки ман ин корро накардаам!

поби́||ться *сов.* 1. зада (кӯфта, пула) шудан, зарб хурдан; **я́блоки ~лись** себҳо пула шуданд 2. (*о всём, многом*) шикастан, майда-майда шудан; **посу́да ~лась** зарфҳо шикастанд 3. *над чем, с кем-чем и без доп. перен. разг.* бисьёр фикр кардан; меҳнат сарф кардан; калла кафондан, майна об кардан; **~ться над зада́чей** барои ҳалли масъала бисьёр фикр кардан ◇ **~ться об закла́д** гарав бастан, шарт бастан (кардан)

поблагодари́ть *сов. кого-что* ташаккур гуфтан (кардан), миннатдорӣ изҳор кардан, изҳори мамнуният кардан; **~ за внима́ние** барои ҳусни таваҷҷӯҳ сипосгузорӣ кардан

поблаже́нствовать *сов. разг.* муддате хушгузаронӣ кардан, муддате кайф кардан, коми дил ҳосил кардан, шодком будан

побла́жк||а *ж разг.* айбпушӣ, тағофул, ба майли худ гузоштан(и); **дава́ть ~у кому́-л.** касеро ба майли худ гузоштан

побледне́||ть *сов.* 1. сафед шудан, ранг паридан; **он ~л** рангаш канд, ранги руяш парид 2. хира (бенур) шудан, ранг паридан; **кра́ски ~ли** рангҳо париданд

поблёкл||ый, -ая, -ое 1. пажмурда, пажмурдашуда, бетароват, лавшуда; **~ые цветы** гулҳои пажмурда 2. бенуршуда, рангпарида; **~ые кра́ски** рангҳои парида (бенуршуда)

поблёк||нуть *сов.* 1. пажмурда (бетароват) шудан; **трава́ ~ла** алаф пажмурда шуд 2. бенур шудан, хира шудан, ранг паридан; **фотогра́фия ~ла** акс[и] фото хира шуд

поблёскива||ть *несов.* гоҳе дурахшидан, гоҳ-гоҳ ҷило додан, милт-милт кардан; **вдали́ что́-то ~ло** аз дур чиз[е] гоҳ-гоҳ ҷило медод

поблесте́ть *сов.* муддате дурахши[дан], муддате ҷило додан

побли́зости *нареч.* дар наздики, қарибӣ, дар атроф, наздик, қар[ибӣ]; **жить ~ от го́рода** дар наздикин ша[ҳр] (ба шаҳр наздик) истиқомат кар[дан]

поблиста́ть *сов.* муддате дурахши[дан], муддате ҷило додан

поблужда́ть *сов.* муддате гумроҳ [шу]дан, овора шуда гаштан

побожи́ться *сов. см.* **божи́ться**

побо́||и *тк. мн.* шаллоқ, зарбу [ла]шатта; **переноси́ть ~н** шаллоқ (ка[лтак]) хурдан; **следы ~ев** осори за[д]лат

побо́ище *с* 1. *уст.* ҷанги мағ[лубкунанда], набарди шадид 2. *разг.* занозанӣ, лакафонӣ, муштулагадзанӣ

по-болгарски *нареч.* булғорӣ, ба булғорӣ

поболе́||ть I *сов.* якчанд вақт бемор (мариз) хобидан, муддате касал (бетоб) будан; **он ~л около месяца** вай қариб як моҳ касал шуда хобид

поболе́ть II *сов.* муддате дард кардан

поболта́ть I *сов.* 1. *что* омехтан (аралаш кардан), ба ҳам задан; ~ **раство́р** маҳлулро кофтан 2. *чем* ҷунбондан, такондан; ~ **нога́ми** пойҳоро ҷунбондан

поболта́ть II *сов. разг.* чақ-чақ кардан, муддате гапзанон (сӯҳбат, гуфтугу) кардан; ~ **о пустяка́х** аз ин тараф, аз он тараф гапзанон карда нишастан

побо́льше *сравн. ст. к* **большо́й** *и к* **мно́го**

по-большеви́стски *нареч.* большевикона, большевикквор, чун большевик

побо́рник *м* ҳомӣ, тарафдор, ҳимояткар, пуштибон; ~ **ми́ра** ҳомии сулҳ, сулҳпарвар

побо́рница *женск. к* **побо́рник**

поборо́||ть *сов.* 1. *кого* дар гуштӣ ғалаба кардан, ғолиб омадан, афтондан, ғалтондан; **боре́ц ~л своего́ проти́вника** гуштингир ҳарифи худро ғалтонд, гуштингир бар ҳарифи худ ғолиб омад // ғалаба кардан, ғолиб омадан, зафар кардан 2. *что перен.* бартараф кардан, фуру нишонидан, дур сохтан (кардан); **~ть в себе́ чу́вство стра́ха** ҳисси тарсро аз худ бартараф кардан

поборо́ться *сов.* 1. муддате гуштингирӣ кардан 2. *перен.* муқобилат кардан, мубориза бурдан; **мы ещё побо́ремся!** мо боз муқобилат мекунем!

побо́р||ы *мн.* (*ед.* **побор** *м*) пулгирӣ, боҷу хироҷ, андози аз ҳад зиёд калон; **грабить ~ами** бо андози аз ҳад зиёд калон ғорат кардан

побо́чный, -ая, -ое 1. иловагӣ, ғайриасосӣ, дуюмдараҷа, ...и дараҷаи дуюм; ~ **проду́кт произво́дства** маҳсулоти ғайриасосии истеҳсолот; ~ **вопро́с** масъалаи иловагӣ 2. *уст.* ғайриқонунӣ, ҳаромӣ, бе никоҳ зоидашуда; ~ **сын** писари бе никоҳ зоидашуда

побоя́||ться *сов. кого-чего или с неопр.* тарсидан, эҳтиёт кардан; худдорӣ кардан; **он ~лся сказа́ть пра́вду** вай аз гуфтани сухани ҳақ (ҳақиқати гап) тарсидааст ◇ **побо́йся (побо́йтесь) бога** инсоф кун (кунед), аз худо шарм кун (кунед)

побрани́ть *сов. кого-что* каме сарзаниш (маломат, мазаммат) кардан

побрани́ться *сов. с кем и без доп. разг.* якдигарро сарзаниш (маломат) кардан, ҷанг кардан

побрата́ться *сов. с кем-чем* ёру бародар (ҷону ҷигар) шудан, бародар хондан, аҳди бародарӣ бастан

побрати́м *м* (*названый брат*) бародархонд(а) // *прост.* (*близкий друг*) ҷӯра, дӯсти қарин ◇ **города́-~ы** шаҳрҳои бародар

побрати́мство *с* бародархонӣ, бародарӣ

по-бра́тски *нареч.* бародарона, бародарвор

побра́||ть *сов. кого-что прост.* (*всё, многое, всех, многих*) гирифтан, рабудан ◇ **чёрт бы тебя́ ~л, чёрт тебя́ побери́!** *бран.* ҷоната гирад, бало (ҷин) занад; хок кашад!

побре́зга||ть *сов. кем-чем и без доп. разг.* ҳазар кардан, нафрат (кароҳат) доштан, танаффур кардан ◇ **не ~й(те)** *прост.* марҳамат (илтифот) кун(ед)

побренча́ть *сов. разг.* муддате ҷарангос задан, қадре тинг-тинг кардан

побрести́ *сов.* оҳиста-оҳиста қадам монда рафтан, якка-якка қадам партофта рафтан, афтону хезон рафтан

побри́ть *сов. кого-что* тарошидан, тарошондан; гирифтан, гирондан; ~ **усы́** мӯйлаби худро тарошидан

побри́ться *сов.* риши худро тарошидан, тарошондан, гирифтан, гирондан

поброди́||ть I *сов.* гаштан, гардиш кардан, сайр кардан, давр задан; **~ть по́ лесу** дар беша гаштан // бисьёр гаштан, ҷаҳонгашта шудан; **он нема́ло ~л по све́ту** у одами ҷаҳонгашта аст

поброди́||ть II *сов.* муддате туршидан; **пи́во недоста́точно ~ло** оби ҷав кам туршидааст, пиво нағз натуршидааст

поброса́ть *сов.* 1. *что* (*всё, многое*) бетартибона партофтан (ҳаво додан); бетартиб мондан, ҳар ҷо-ҳар ҷо партофта мондан; **всё** ~ ҳамаро партофтан 2. *кого-что* (*всё, многое, всех, многих*) беназорат мондан (гузоштан), бенигоҳубин гузоштан

побры́зга||ть *сов.* 1. муддате (каме) боридан; **до́ждик ~л и переста́л** борон андак бориду монд; чаҳор дона борон бориду монд 2. *кого-что, на кого-что* пош додан, пошида тар кардан

побры́згаться *сов.* андаке ба худ об пошидан; ба ҳамдигар об пошидан

побрюзжа́ть *сов. разг.* муддате ғур-ғур (ғунг-ғунг) кардан, каме ғурунгас задан; **стари́к лю́бит** ~ мӯйсафед ғур-ғур карданро нағз мебинад

побря́кивание *с* ҷаранг-ҷаранг, ҷиринг-ҷиринг; ~ **колоко́льчика** ҷарангоси зангулача, ҷиринг-ҷиринги зангулача

побря́кива||ть *несов.* гоҳ-гоҳ ҷарангос задан, андак ҷаранг-ҷаранг (ҷиринг-ҷиринг) кардан; **где́-то ~л колоко́льчик** дар ким-куҷо зангулача ҷиринг-ҷиринг мекард // *чем* ҷарангос занондан; **~ть ключа́ми** калидҳоро ҷарангос занондан; **~ть посу́дой** зарфҳоро ҷарангос занондан

побряку́шка *ж разг.* шақшақа, чиқчиқа, шиқшиқача // *чаще мн.* **побряку́шки** *перен.* чизи камарзиш, чизи ҷарангосии беқадр, чизҳои назарногир

побуди́тельн||ый, -ая, -ое водоркунанда, талқинкунанда, ташвиқкунанда, барангезанда; **~ая причи́на** сабаби водоркунанда

побуди́ть I *сов. кого-что* 1. муддате бедор кардан (аз хоб хезондан) 2. *разг.* (*всех, многих*) бедор кардан, аз хоб хезондан; ~ **всех в до́ме** ҳамаи аҳли хонаро бедор кардан 3. *охот.* хезондан, аз ҷогаҳ хезондан; ~ **звёря** даррандаро [аз ҷояш] хезондан

побуди́||ть II *сов. кого-что к чему или с неопр.* водор (талқин, таҳрик, ташвиқ) кардан, барангехтан, маҷбур (шавқманд) кардан; **~ть к заня́тиям** ба машғулият водор (шавқманд) кардан; **обстоя́тельства ~ли его уе́хать отту́да** вазъият уро маҷбур кард, ки аз он ҷо баромада равад

побу́дк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **побуди́ть** I 2) *воен.* бедор кардан(и) 2. бонги бедоршавӣ (бедорӣ); **горни́ст заигра́л ~у** шайпурчӣ нағмаи бедориро навохт

побужда́ть *несов. см.* **побуди́ть** II

побужде́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **побуди́ть** II) водор (ташвиқ) кардан(и) 2. майл, хоҳиш, ният, орзу, ангеза; **из са́мых лу́чших ~й** бо орзуҳои нек, бо беҳтарин ният; аз дилу ҷон, бо ҷону дил

побуре́лый, -ая, -ое *разг.* буршуда, буррангшуда, сиёҳчатобгардида, хокистаришуда

побуре́ть *сов.* бур шудан, бурранг шудан, сиёҳтоб шудан, хокистари шудан; ~ **от со́лнца** аз таъсири офтоб бурранг шудан

побыва́||ть *сов.* 1. рафта омадан, саёҳат кардан, гаштан; дидан; **он ~л во мно́гих стра́нах** вай бисьёр мамлакатҳоро дидагӣ, вай дар бисьёр мамлакатҳо саёҳат кардагӣ // рафтан, даромадан; дидан; зиёрат кардан; **на́до ещё ~ть в музе́е** боз ба музей ҳам даромадан (рафтан) даркор; **за́втра я ~ю у вас** ман пагоҳ ба назди шумо меравам 2. иштирок кардан, будан, дидан; **он ~л на войне́** вай дар ҷанг [иштирок карда] буд, вай ҷангро дидагӣ 3. муддате будан (шудан), шуда дидан; **ему́ пришло́сь ~ть и сле́сарем, и пло́тником** вай челонгар ҳам [шуда] буд, дуредгар ҳам [шуда] буд ◇ **~ть в переде́лках** гарму сардро чашидан

побы́вк||а *ж*: **на ~у** *разг.* истиқомати муваққатӣ, якчандрӯза омадан(и), якчандрӯза омада рафтан(и); **прие́хать на ~у** якчандруза ба хона омадан

побы́ть *сов.* истодан, мондан, муддати кутоҳе мондан; **он по́был у нас два дня** вай ду рӯз пеши мо (дар хонаи мо) истод // (*в какой-л. должности*) муддате будан, муддате вазифаеро иҷро кардан

пова́дить *сов. кого разг.* одат кунондан, ёд додан, омӯхта кардан

повади́||ться *сов. разг.* 1. *с неопр.* одат кардан, омухта шудан, ху гирифтан; **ко́шка ~лась таска́ть цыпля́т** гурба ба чуҷабарӣ одат кард 2. зуд-зуд ба ҷое омадан; зуд-зуд омада дилбазан кардан; **он ~лся к нам ка́ждый ве́чер** вай хар шаб ба пеши мо (ба хонаи мо) меояд; у ҳар шаб ба хонаи мо омада дилбазан мекардагӣ шуд

пова́дк||а *ж разг.* одат, рафтор, сират, хислат; **усво́ить дурну́ю ~у** ба рафтори бад одат кардан, хислати бад пайдо кардан

пова́дливый, -ая, -ое (пова́длив, -а, -о) *разг.* моил, рағбатнок

пова́дно: **чтобы не́ было** ~ *кому разг.* то ки бори дигар инро накунад, то ки инро такрор накунад

пова́живать *несов. см.* **повади́ть**

пова́жничать *сов. разг.* якчанд вақт такаббур (калонгирӣ) кардан, каме кибру ғурур зоҳир кардан

повали́||ть I *сов. кого-что* афтондан, ғалтондан; **ве́тер** ~**л де́рево** шамол дарахтро афтонд

повали́||ть II *сов. разг.* 1. тӯда шуда омадан гирифтан, гирд омадан; **наро́д** ~**л на пло́щадь** халқ ба майдон рехта омад 2. баромадан гирифтан, боридан гирифтан; фаввора задан гирифтан; **снег** ~**л хло́пьями** барфи лаклакӣ боридан гирифт; **дым** ~**л из трубы́** дуд аз дудбаро фаввоpазанон баромадан гирифт

повали́ться *сов.* афтидан, ғалтидан

пова́льн||ый, -ая, -ое сар то сар, умумӣ, оламгир, ҳамагир; ~**ое увлече́ние** завқи умумӣ, шавқу завқи оммавӣ; ~**ое бе́гство** фирори умумӣ; ~**ая боле́знь** касалии умумӣ, беморин гузаранда

поваля́ть *сов. кого-что* андаке ғелондан, каме ҷӯлондан; ~ **по́ полу** дар рӯи замин андаке ғелондан

поваля́ться *сов.* 1. муддате ғелидан; ~ **на траве́** дар алаф ғелидан (дароз кашидан) 2. *разг.* хобидан, ғелида хоб рафтан, дароз кашидан; **он лю́бит у́тром** ~ вай пагоҳӣ ғелида хобиданро нағз мебинад

по́вар *м* ошпаз, таббох

пова́ренн||ый, -ая, -ое ...и ошпазӣ, ...и хӯрок; ~**ая кни́га** китоби ошпазӣ; ~**ая соль** намаки таом, намаки ошӣ

поварёнок *м* шогирди ошпаз (таббох), ошпазбача, таббохбача

поварёшка *ж разг.* чойгардон, кафлез, кафгир

повари́ть *сов. что* андаке пухтан, каме ҷӯшондан; ~ **мя́со** гӯштро андаке пухтан

повари́ться *сов.* муддате пухтан, каме ҷӯшидан

повари́ха *женск. к* **по́вар**

пова́рничать *несов. уст.* ошпазӣ (таббохӣ) кардан, хӯрок (таом) пухтан

пова́рня *ж уст.* ошпазхона, ошхона

поварск||о́й -а́я, -о́е ...и ошпаз, ...и ошпазӣ; ~**о́е иску́сство** ҳунари ошпазӣ; ~**о́й нож** корди ош

по-ва́шему *нареч.* 1. *(по вашему мнению)* ба фикри (ақидаи, назари) шумо; **как** ~ **лу́чше сде́лать?** ба фикри шумо чӣ хел кардан беҳтар аст? 2. *(по вашему желанию)* бо хоҳиши шумо, мувофиқи майли шумо, бо гуфти шумо; **будь** ~ гуфти шумо (дилхоҳи шумо) шавад

пове́дать *сов. что, о чём или с придат. дополн. книжн.* маълум (аён) кардан, ҳикоят (хабардор) кардан, нақл кардан, гуфтан, расондан; ~ **та́йну кому́-л.** ба касе роз гуфтан, дил холӣ кардан

поведе́ни||е *с* рафтор, кирдор, сулук, ху, ахлоқ, хулқ; **дурно́е** ~**е** хулқи бад, одати бад, бадсулукӣ ◇ **же́нщина лёгкого** ~**я** занаки сабукпо

пове́дывать *несов. см.* **пове́дать**

повез||ти́ *сов.* 1. *кого-что* бурдан, кашондан; ~**ти́ дете́й к мо́рю** бачагонро ба баҳр бурдан 2. *безл. кому-чему* бахт ёр шуд (омад кард), толеъ баландӣ кард, толеъ (бахт) тофт; **ему́** ~**ло́** толеаш тофт (баландӣ кард), бахташ ёр шуд (омад кард)

повелева́||ть *несов. книжн.* 1. *кем-чем* фармонравоӣ (ҳукмронӣ) кардан, идора кардан; ~**ть по́дданными** раиятро ҳукмронӣ кардан 2. *кому-чему и с неопр.* амр кардан, фармон додан, ҳукмронӣ кардан; **так мне** ~**ет долг** ман вазифадор ҳастам

повеле́ние *с (по знач. гл.* **повелева́ть** *2)* амр, фармон, фармоиш, ҳукм

повеле́ть *сов. см.* **повелева́ть** 2

повели́тель *м книжн. и высок.* ҳукмрон, омир, ҳоким, фармонфармо, зимомдор

повели́тельница *ж книжн. и высок.* ҳокима, малика, омира

повели́тельность *ж* ҳокимона будан(и), омирона будан(и); ~ **взгля́да** омирона будани нигоҳ

повели́тельн||ый, -ая, -ое (повели́телен, -льна, -льно) ҳокимона, фармонфармоёна, омирона; ~**ый взгляд** нигоҳи омирона; **говори́ть** ~**ым то́ном** бо оҳанги фармонфармоёна гуфтан, омирона гап задан ◇ ~**ое наклоне́ние** *грам.* сиғаи амр

по-венге́рски *нареч.* венгерӣ, ба венгерӣ; маҷорӣ, ба маҷорӣ

повенча́ть *сов. кого* [ақдн] никоҳ кардан, ба ақди никоҳ даровардан

повенча́ться *сов.* никоҳ кардан, зан гирифтан, шавҳар кардан, зану шавҳар шудан

поверга́ть *несов. см.* **пове́ргнуть**

поверга́ться *несов.* 1. *см.* **пове́ргнуться**; 2. *страд.* торумор карда шудан

пове́ргнуть *сов. кого-что* 1. *уст.* афтондан, ғалтондан, сарнагун кардан; ~ **на́земь** ба замин ғалтондан // *перен. высок.* сарнагун кардан, торумор кардан; ба замин яксон кардан; ~ **врага́** душманро торумор кардан 2. *во что* андохтан, дучор кардан; **э́та весть пове́ргла его́ в отча́яние** ин хабар уро ба навмедӣ андохт ◇ ~ **в прах** хоку туроб кардан, дафъ кардан

пове́ргнуться *сов. уст.* 1. афтидан, рӯйнокӣ афтидан, ғалтидан 2. *во что* афтидан, дучор шудан (гаштан); ~ **в отча́яние** ба навмедӣ афтидан

пове́ренная *женск. к* **пове́ренный** 2

пове́ренный *м* 1. вакил; ~ **в дела́х** *дип.* вакил *(намояндаи дипломатӣ, ки мансабаш аз сафир поёнтар аст)* 2. маҳрами роз, сирдон, таҳдон, ҳамроз ◇ **присяжный** ~ *уст.* ҳимоякунанда *(вакили даъво дар маҳкамаи Россияи пешазреволюционӣ)*; **ча́стный** ~ *ист.* адвокат *(дар Россияи пешазреволюционӣ)*

пове́р||ить *сов.* 1. *кому-чему* бовар кардан (доштан), эътимод кардан, эътиқод доштан (бастан); ~**ить на́ слово** ба қавл бовар кардан 2. *что уст. (проверить)* тафтиш (муайян) кардан, санҷидан 3. *что кому* маълум кардан, бовар карда гуфтан; ~**ить та́йну дру́гу** сирро ба дӯсти худ бовар карда гуфтан 4. *повел.* **пове́рь(те)** *в знач. вводн. сл.* бовар кун(ед); ~**ь(те), я его́ сего́дня ви́дел** бовар кун(ед), ки ман имрӯз ӯро дида будам // 2 *л. наст. вр. (с частицей «ли»)* **пове́ришь ли (пове́рите ли)** бовар мекунӣ (мекунед)

пове́рк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **пове́рить** *2)* тафтиш кардан(и), санҷиш; ~**а вре́мени** санҷиши вақт 2. *(перекличка)* як-як ном гирифтан(и), ном ба ном чеғ задан(и), номбар кардан(и), ҳозир-ғоиб кардан(и); **у́тренняя** ~**а** ҳозир-ғоиби пагоҳирӯзӣ ◇ **на** ~**у** дар ҳақиқат, дар асл, дар амал; воқеан; **на** ~**у всё получа́ется и́на́че** дар ҳақиқат ҳама чиз дигар хел будааст

поверну́ть *сов.* 1. *кого-что* гардондан, тофтан, тоб додан; ~ **кран** милро тоб додан 2. *кого-что* баргардондан, гардондан // *без доп.* гаштан, гардидан; ~ **напра́во** ба тарафи рост гардидан // *что перен.* гардондан, бурдан, равона кардан; ~ **разгово́р** гапро ба дигар тараф бурдан, сӯҳбатро ба тарафи дигар равона кардан 3. *(о дороге и т. п.)* рафтан, гаштан; **тропи́нка кру́то поверну́ла вле́во** пайраҳа якбора ба тарафи чап гашт ◇ ~ **огло́бли** *прост.* 1) ба дасти холӣ баргаштан 2) аз қавли худ гаштан; ~ **спи́ну к кому́-чему́-л.** аз касе, чизе рӯ гардондан

поверн||у́ться *сов.* 1. гардидан, гаштан, тоб хӯрдан, рӯ гардондан; ~**у́ться на друго́й бок** ба дигар паҳлу гаштан 2. *перен.* гаштан, чаппа шудан; **де́ло** ~**у́лось совсе́м и́на́че** кор тамоман дигар хел гашт (чаппа шуд) ◇ ~**у́ться лицо́м к чему́-л.** диққат кардан, аҳамият додан; ~**у́ться спино́й к кому́-чему́-л.** рӯ аз касе, чизе гардондан; **язы́к** ~**у́лся** (~**ётся**) *у кого* забон гашт (мегардад), ҷуръат кард (мекунад); **язы́к не** ~**у́лся** *у кого* забон нагашт

пове́рочн||ый, -ая, -ое тафтишӣ, озмоишӣ, таҳқиқӣ, ...и санҷиш; ~**ые испыта́ния** имтиҳонҳои тафтишӣ

поверте́ть *сов. что, чем* муддате тоб додан (тофтан), муддате гардондан (чархондан); ~ **колесо́** чархро муддате гардондан

поверте́ться *сов.* муддате чарх (давр) задан, якчанд бор гирд гаштан (тоб хӯрдан), муддате истодан; ~ **пе́ред зе́ркалом** дар пеши оина гирд гаштан

повёртывать *несов. см.* **поверну́ть**

повёртываться *несов.* 1. *см.* **поверну́ться**; 2. *страд.* гардонда шудан

пове́рх 1. *предлог с род.* аз болои..., ба болои..., дар болои..., аз рӯи...; ~ **руба́шки** аз болои пероҳан, аз рӯи курта 2. *нареч.* аз боло, болотар

пове́рхностно *нареч.* рӯякӣ, сатҳӣ, сарсарӣ, сарсариёна; ~ **суди́ть** *о чём* рӯякӣ фикру мулоҳиза кардан, надониста ҳукм баровардан

поверхностность *ж* рўякӣ (сатҳӣ) будан(и), сарсарӣ будан(и); ~ **знаний** руякӣ будани дониш

поверхностн||ый, -ая, -ое (поверхност|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* болой, рўякӣ, сатҳӣ; ~**ый слой почвы** қабати болоии хок, қишри сатҳии замин; ~**ая рана** ҷароҳати руякӣ // *физ.* сатҳӣ; ~**ое испарение** бухоршавии сатҳӣ 2. *перен.* рўякӣ, сатҳӣ, сарсарӣ; ~**ые знания** маълумоти рўякӣ

поверхност||ь *ж* руй, сатҳ; ~**ь Земли** сатҳи Замин; **гладкая** ~**ь** сатҳи ҳамвор // *мат.* сатҳ; ~**ь вращения** сатҳи гарданда ◇ **скользить по** ~**и** бо чизе рўякӣ машғул шудан

поверху *нареч. разг.* аз боло, аз руй // *перен.* рўякӣ, сатҳӣ, сарсарӣ

поверье *с* хурофот, мавҳумот, эътиқод; **старинное** ~ хурофоти кўҳна (қадимӣ)

поверять *несов. см.* **поверить** 2, 3

повеса *м уст.* ҷавони сабукрафтор, айёш, беҳудагард, бесар

повеселеть *сов.* хурсанд (хушҳол) шудан, хандон (димоғчоқ) шудан

повеселить *сов. кого-что* хурсанд (хушҳол) кардан, каме хандондан, димоғчоқ (шод) кардан

повеселиться *сов.* муддате хурсандӣ (шодмонӣ, вақтхушӣ) кардан, вақтро дар хушҳолӣ гузарондан; **вдоволь** ~ ба қадри кифоя (кофӣ) шодмонӣ кардан, расо вақтхушӣ кардан

повесить *сов.* 1. *что* овехтан, овезон кардан; ~ **картину** расмро овезон кардан; ~ **пальто на вешалку** пальторо ба либосовезак овехтан 2. *кого* ба дор кашидан ◇ ~ **нос** [**на квинту**], ~ **голову** лабу лунҷ овезон кардан, хафа мондан, маъюс шудан

повеситься *сов.* худро овехта куштан, худро овехтан

повесничать *несов. уст.* сабукрафторӣ (бесарӣ) кардан, айёшӣ (беҳудагардӣ) кардан

повествование *с* 1. (*по знач. гл.* **повествовать**) нақл кардан(и), ривоят кардан(и) 2. *лит.* қисса, ҳикоят, саргузашт

повествователь *м книжн.* қиссагуй, ровӣ, ноқил, баёнкунанда; нависанда, муаллиф

повествовательн||ый, -ая, -ое ...и қисса, ...и нақл, ...и ҳикоя(т), нақлӣ, ҳикоягӣ; ~**ый жанр** жанри нақлӣ; **в** ~**ой форме** дар шакли ҳикоя ◇ ~**ое предложение** *грам.* ҷумлаи хабарӣ

повествовать *несов. о чём* қисса гуфтан, нақл (ҳикоя) кардан, ривоят кардан; достон гуфтан

повести *сов.* 1. *кого-что* бурдан, гирифта бурдан, ҳамроҳи худ бурдан; раҳнамоӣ кардан; сайр кунондан; ~ **гостя в сад** меҳмонро ба боғ бурдан; меҳмонро дар чорбоғ сайр кунондан; ~ **войска в бой** қўшунро ба ҷанг бурдан 2. *что* сар (оғоз) кардан; ~ **разговор** сўҳбатро сар кардан 3. *чем* ҷунбондан, ҳаракат (такон) додан; ~ **плечом** кифт ҷунбондан; ~ **бровями** абрў паррондан (ҷунбондан) ◇ **и** [**даже**] **бровью** (**глазом**) **не повёл** мижааш ҳам нахўрд, пинакашро вайрон накард

повестись *сов.* 1. расм (одат, таомул) шудан; **так уж у нас повелось** дар мо ҳамин тавр расм шудааст 2. *с кем разг.* дуст шудан, қарин шудан (гаштан), ошно шудан, ошноӣ кардан, шиштухез кардан; **с кем поведёшься, от того и наберёшься** *посл.* ≈ бо моҳ шинӣ — моҳ шавӣ, бо дег шинӣ — сиёҳ шавӣ

повестк||а *ж* 1. даъватнома, огоҳнома; ~**а в суд** огоҳномаи суд 2. рузнома, рузномаи маҷлис; **снять с** ~**и собрания** аз муҳокимаи маҷлис баровардан ◇ ~**а дня** рузнома, рузномаи маҷлис; **на** ~**е дня, на** ~**у дня** дар навбат, вазифаи рўзмарра (навбатӣ)

повесть *ж* қисса; ҳикоя, нақл

поветрие *с* 1. *уст.* бемории тезсироят, бемории ом; **моровое** ~ вабо, тоун; муромурӣ 2. *перен. разг.* расм, одат

поветь *ж обл.* шипанг, лабгўша; **коровы стояли под** ~**ю** модаговҳо дар собот меистоданд

повечереть *сов.* торик (бегоҳ, шом) шудан

повешение *с* ба дор кашидан(и), ба дор овехтан(и); **смертная казнь через** ~ ҷазои бадоркашӣ

повея||ть *сов.* 1. вазидан, ба вазидан сар кардан; ~**л ветерок** насим вазид; ~**ло прохладой** *безл.* насими серун вазид 2. *чаще безл. чем перен.* ба хотир омадан (овардан); **на меня вдруг** ~**ло детством** якбора айёми бачагӣ ба хотирам омад

повзводно *нареч.* взвод-взвод, взвод паси взвод

повздорить *сов. разг.* ҷанҷол (мағал) кардан

повздыхать *сов.* муддате оҳ кашидан, муддате оҳу воҳ кардан

повзрослеть *сов.* калон (калонак, калонакак) шудан, болиғ (баақл) шудан

повивальн||ый, -ая, -ое *уст.* ...и момодоягӣ ◇ ~**ая бабка** *уст.* момодоя

повида||ть *сов. разг.* 1. *кого-что* (*многое*) дидан, бисьёр дидан // дидан, чашидан, аз сар гузарондан, таҳаммул кардан; **он** ~**л много горя** вай ғаму азоби бисьёре чашидааст 2. *кого* дидан, мулоқот кардан; **она приехала** ~**ть сына** ў ба мулоқоти писарашро омад

повидаться *сов. с кем и без доп. разг.* дидан, мулоқот кардан; ру ба ру шудан; ~ **с родными** бо хешовандон мулоқот кардан

по-видимому *вводн. сл.* зоҳиран, эҳтимол, аз афти кор, гуё, шояд; **он,** ~, **скоро придёт** аз афти кор у ба зудӣ меояд, у зоҳиран зуд меояд

повидло *с* мураббои ғафс, мураббои сертилф, повидло

повизгивание *с* виззос, чиррос, вангас

повизгивать *несов.* гоҳ-гоҳ виззос задан, андак чиррос (вангас) задан

повизжать *сов.* якчанд вақт виззос (вангас) задан, муддате чиррос задан

повиливать *несов. чем* гоҳ-гоҳ ҷунбондан, андаке ликкондан

повилика *ж бот.* алафи печак, зарпечак

повиля||ть *сов.* 1. *чем* ҷунбондан (ликкондан); **собака** ~**ла хвостом** саг думашро ликконд 2. *перен. разг.* аз ҷавоби руйрост сар кашидан (канорагирӣ кардан, гурехтан); **он любит** ~**ть** вай аз ҷавоби руйрост сар метобад

повиниться *сов. в чём уст.* дар айби худ иқрор шудан, худро гунаҳкор донистан, айби (гуноҳи) худро ба гардан гирифтан

повинность *ж* маҷбурият, уҳдадорӣ; вазифа; **воинская** ~ уҳдадории ҳарбӣ, хизмати ҳарбӣ; **трудовая** ~ уҳдадории меҳнатӣ // *перен. разг.* ночорӣ

повинн||ый, -ая, -ое (повин|ен, -на, -но) 1. (*полн. ф. тк. с отриц.*) гунаҳкор, айбдор, муқассир; **он в этом не повинен** вай дар ин кор айбдор нест 2. *тк. полн. ф. уст.* тавбакунанда; ~**ую голову и меч не сечёт** *посл.* гардани ҳамро шамшер намебурад ◇ **принести** ~**ую, прийти** (**явиться**) **с** ~**ой** [**головой**] гуноҳи худро эътироф кардан, гуноҳи худро ба гардан гирифтан, авфи гуноҳ хостан

повиноваться *несов.* (*прош. тж. сов.*) *кому-чему* тобеъ (мутеъ) шудан, итоат (фармонбардорӣ) кардан, ба ҳукми касе сар фуровардан; ~ **приказу** ба ҳукм итоат кардан

повиновени||е *с* (*по знач. гл.* **повиноваться**) тобеъшавӣ, итоат кардан(и), фармонбардорӣ, итоат; **держать в** ~**и** дар итоат доштан; **выйти из** ~**я** аз итоат баромадан; саркашӣ кардан

повисать *несов. см.* **повиснуть**

повисеть *сов.* муддате овезон шудан (истодан, будан)

повис||нуть *сов.* 1. овезон шудан, овезон истодан (мондан); **капли дождя** ~**ли на листьях** қатраҳои борон дар баргҳо овезон шуданд; ~**нуть на чьём-л. плече** бар китфи касе овезон шудан 2. овезон шудан; **ветви дерева** ~**ли** шоххҳои дарахт овезон шудаанд 3. беҳаракат мондан, сокит истодан; **облака** ~**ли в воздухе** абрҳо сокит меистоданд ◇ ~**нуть в воздухе** 1) (*не закончить что-л.*) тамом нашуда мондан, нотамом мондан 2) номаълум (муаллақ, муҷмал) мондан 3) ҳал нашудан

повитуха *ж уст. и обл.* момодоя; доя, онабибӣ

повлажне||ть *сов.* нам (тар) шудан; **её глаза** ~**ли** чашмони ў нам шуданд, чашмони у ашколуд шуданд

повластвовать *сов.* муддате ҳукмронӣ (ҳукмравоӣ) кардан, якчанд вақт ҳукмрон будан

повлечь *сов.* 1. *кого-что книжн.* кашидан, кашола карда бурдан; аз пушти худ бурдан 2. *что* сабаб (сабабгор) шудан, боис шудан, ба вуҷуд овардан; **это может** ~ **за собой неприятности** мумкин аст, ин боиси ногувориҳо шавад

повлия́ть *сов. на кого-что* таъсир кардан, нуфуз гузарондан; гап маъқул кунондан; ба гап даровардан

по́вод I *м* (*мн.* **пово́дья**) ҷилав, лаҷом, етак; **натяну́ть пово́дья** лаҷомро кашидан; **вести́ ло́шадь на ~у́** аспро етак карда бурдан ◇ **идти́ на ~у́ у кого́-л.** дастнигари касе будан, иноии ихтиёр ба касе додан

по́вод II *м* (*мн.* **по́воды**) баҳона, ваҷҳ, асос, сабаб; **без вся́кого ~а** бе ҳеҷ ваҷҳ (баҳона), бе ҳеҷ асос, бе ҳеҷ сабаб; **по вся́кому ~у** бо ҳар баҳона ◇ **по ~у чего́-л.** дар бораи чизе, аз хусуси чизе; **дать (пода́ть) ~** *кому* имконият додан, роҳ додан, баҳона ёфта додан; боис шудан

поводи́ть I *сов.* 1. *кого-что* роҳ равондан, давр занондан, сайр кунондан; ҳамроҳӣ кардан 2. *чем по чему* ҳаракат додан, ҷунбондан; **~ ука́зкой по ка́рте** ишорачубро болои харита давондан

поводи́ть II *несов. см.* **повести́** 3

повод||о́к *м* 1. лаҷомча, ҷилави кутоҳ 2. тасмаи гарданбанд(и саг); **вести́ соба́ку на ~ке́** тасмаи сагро дошта бурдан

поводы́рь *м* асокаш, коид // *прост.* роҳнамо, ҳамроҳ

повоева́ть *сов.* 1. муддате ҷанг кардан 2. *что уст. (завоевать)* фатҳ (забт) кардан, зери даст кардан

повози́ть *сов. кого-что* муддате бурдан, якчанд вақт савора бурдан

повози́ться *сов.* 1. муддате аз паҳлу ба паҳлу гаштан, ноором будан 2. *с кем-чем, над кем-чем разг.* овора будан (шудан), саргардон шудан, ташвиш кардан; **~ над тру́дной зада́чей** бо ҳалли масъалаи мушкил овора шудан 3. *с кем-чем и без доп.* муддате бозӣ кардан, як чанд вақт гузарондан (машғул будан); **~ с детьми́** бо бачагон машғул будан

пово́зка *ж* ароба; **кры́тая ~** аробаи болопуш

пово́йник *м уст.* кулӯта, пешонабанд (*сарбанди деҳқонзанони шавҳардори рус*)

поволнова́ться *сов.* муддате ошуфта (мушавваш) шудан

поволо́к||а *ж* парда, пардаи тунук ◇ **глаза́ с ~ой** чашми хумор, нигоҳи махмурона

поволочи́ть *сов.* 1. *кого-что* муддате кашола карда бурдан, кашолакунон бурдан 2. *см.* **поволо́чь**

поволочи́ться *сов.* 1. кашола шуда рафтан, кашола шудан (муддате) 2. *за кем уст. разг.* аз дунболи зан гаштан, аз пушти зан овезон шуда гаштан

поволо́чь *сов. кого-что* кашола карда бурдан; **~ бревно́** ғулачубро кашола карда бурдан // *кого (насильно повести)* зӯран (маҷбуран) бурдан

поволо́чься *сов.* 1. *разг.* кашола шуда рафтан, кашола шудан 2. *перен. прост.* ба зӯр гаштан, оҳиста роҳ рафтан

повора́чивать(ся) *несов.* 1. *см.* **повороти́ть(ся)** *и* **поверну́ть(ся)**; 2. *прост.* (*быстро делать*) зуд амал кардан, чаққон (чолок) будан, чолокӣ кардан 3. *страд* гардонда шудан

поворова́ть *сов.* 1. *разг.* муддате дуздӣ кардан (дуздидан) 2. *кого-что прост.* (*всё, многое, всех, многих*) дуздида тамом кардан

поворо́вывать *несов. разг.* кам-кам дуздӣ кардан

поворожи́ть *сов. уст.* фол дидан, фолбинӣ кардан

поворо́т *м* 1. (*по знач. гл.* **поверну́ть**) гардиш, гардондан(и), тоб додан(и), тофтан(и); (*по знач. гл.* **поверну́ться**) гардидан(и), гаштан(и), тоб хурдан(и); **~ головы́** гардондани сар; **~ ключа́** тоб додани калид; **~ круго́м** чарх задан(и), гирд гаштан(и) 2. гардиш, хамгашт; **опа́сный ~** хамгашти хатарнок; **на ~е доро́ги** дар гардиши роҳ, дар хамгашти роҳ 3. *перен.* дигаргунӣ, тағьир(от); **~ де́ла в чью-л. по́льзу** дигар шудани кор ба фоидаи касе; **~ в разви́тии чего́-л.** тағьирот дар инкишофи чизе ◇ **лёгче на ~ах** *прост.* дағалӣ накун(ед), аз ҳад нагузар(ед); **от воро́т ~ кому́-л.** кафши касеро пеш мондан

повороти́ть(ся) *сов. уст. и прост. см.* **поверну́ть(ся)**

поворо́тливость *ж* 1. *разг.* чустӣ, чолокӣ, чобукӣ, чаққонӣ 2. *тех., мор.* қобилияти гардиш, тағьир дода тавонистани самти роҳ; **~ корабля́** қобилияти гардиши киштӣ

поворо́тливый, -ая, -ое (поворо́тлив, -а, -о) 1. *разг.* чуст, чолок, чобук, чаққон; абҷир, кордон 2. *тех., мор.* зуд тобхӯранда; **~ я́лик** қаиқчаи зуд тобхӯранда

поворо́тный, -ая, -ое 1. ...и гардиш 2. *перен.* ...и дигаргунӣ, ...и дигаргуншавӣ, ...и тағьирот; **~ пункт в разви́тии чего́-л.** марҳилаи қатъии инкишофи чизе

поворо́чать *сов. кого-что, чем разг.* муддате гардондан, муддате ҷунбондан, каме тоб додан

поворо́чаться *сов. разг.* муддате паҳлу задан, хобида аз паҳлу ба паҳлу гаштан; муддате ҷунбидан

поворoши́ть *сов. что разг.* андак тагуру кардан, гардондан, омехта кардан; **~ се́но** хасбедаро андак гардондан

поворча́ть *сов.* муддате ғинг-ғинг (ғунг-ғунг, виғ-виғ, ниқ-ниқ, ғур-ғур) кардан, муддате ғунгос задан

повреди́||ть *сов.* 1. *кому-чему* зарар (офат) расондан, осеб овардан, зиён расондан (овардан); **э́то ему́ не ~т** ин чиз ба вай зарар намерасонад (намекунад) 2. *что* вайрон (нуксондор) кардан, шикастан, захмдор кардан; осеб расондан; **он ~л но́гу при паде́нии** вай дар вақти афтидан пояшро маиб кард

повреди́ться *сов. прост.* вайрон (нуксондор) шудан, шикаста шудан, захмдор шудан ◇ **~ в уме́** зиёнзада (камақл, девона) шудан, майна иллатнок шудан

поврежда́ть *несов. см.* **повреди́ть** 1

поврежда́ться *несов.* 1. *см.* **повреди́ться**; 2. *страд.* зарар расонда шудан

поврежде́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **повреди́ть**) зарар расондан(и); вайрон кардан(и); (*по знач. гл.* **повреди́ться**) вайрон шудан(и); **~е телефо́нного ка́беля** вайрон шудани сими телефон 2. харобӣ, вайронӣ, шикаст, зиён; **испра́вить ~я** харобиҳоро дуруст кардан, ҷойҳои вайроншударо дуруст кардан

повремени́ть *сов. с чем, с неопр. и без доп. разг.* сабр (даранг) кардан, таваққуф кардан, мавқуф гузоштан, мунтазир шудан; **~ с отъе́здом** рафтанро даранг кардан (мавқуф гузоштан); **~ мину́ту** як дақиқа сабр кардан

повреме́нн||ый, -ая, -ое 1. даврӣ; **~ые изда́ния** нашрияҳои даврӣ 2. вақтбайъ, ба ҳисоби вақт, аз руи вақт додашаванда; **~ая рабо́та** кори вақтбайъ; **~ая опла́та** музди вақтбайъ

повседне́вно *нареч.* ҳар руз, ҳамеша, доиман, доимо, рузмарра

повседне́вность *ж* ҳаррӯза (ҳамарӯза) будан(и), ҳамеша будан(и), рузмарра будан(и); **~ заня́тий** ҳаррӯза будани машғулият // (*обыденность*) корубори ҳамарӯза, ташвиши рузмарра

повседне́вн||ый, -ая, -ое (повседнев|ен, -на, -но) ҳаррӯза, ҳамешагӣ, доимӣ, рӯзмарра, маъмул(ӣ); **~ый быт** тарзи зисти маъмулӣ; **~ая рабо́та** кори ҳарруза (рузмарра); **~ые обя́занности** вазифаҳои маъмулӣ

повсеме́стно *нареч.* ҳама ҷо, дар ҳама ҷо, дар ҳар тараф, дар ҳар маком

повсеме́стность *ж* дар ҳама ҷо будa(и)

повсеме́стн||ый, -ая, -ое (повсеме́ст|ен, -на, -но) ҳамаҷоя, ҳарҷоӣ, умумӣ; **~ое явле́ние** ҳодисаи умумӣ; **~ый сев** киштукори саросар

повскака́||ть *сов. разг.* (*о всех, многих*) ҷаҳидан, ҷаста (парида) хестан; **все ~ли со свои́х мест** ҳама аз ҷояшон ҷаста хестанд

повска́кивать *сов. см.* **повскака́ть**

повстава́ть *сов. разг.* (*о всех, многих*) хестан, ҷастан, ба по хестан, бархостан

повста́нец *м* шуришгар, иштироккунандаи шуриш, исьёнгар

повста́нческ||ий, -ая, -ое ...и шуришгар, ...и исьёнгар; **~ие отря́ды** дастаҳои шуришгарон; **~ое движе́ние** ҳаракати шуришгарон

повстреча́ть *сов. кого-что разг.* вохурдан, дучор (рӯ ба ру) шудан, дидан

повстреча́ться *сов. кому, с кем-чем разг.* дучор шудан, ба ҳам рост омадан, ру ба ру омадан, якдигарро дидан

повсю́ду *нареч.* дар ҳама ҷо, дар ҳар тараф (ҷониб), дар ҳар ҷо

повто́р *м* 1. *разг. см.* **повторе́ние** 2. 3; 2. *лит.* такрор; **звуковы́е ~ы** такрорҳои овозӣ (савтӣ)

повторе́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **повтори́ть**) такрор, такрор кардан(и); (*по знач. гл* **повтори́ться**) такрор шудан(и), такрор ёфтан(и); **~е уро́ка** такрори дарс 2. такрор, ҷои такрор (такрор-

шуда); **избега́ть ~й** аз такрор худдорӣ кардан, ба такрор роҳ надодан 3. такрор, монандӣ; **ма́льчик — ~е ма́тери** писар модарашро канда гирифтааст

повтори́ть *сов. что* 1. такрор кардан, дубора кардан, дубора гуфтан; ~ **про́сьбу** илтимосро такрор кардан; ~ **пе́сню** сурудро дубора хондан; ~ **пра́вила** қоидаҳоро такрор кардан 2. мисли аввала кардан, айнан ба кор бурдан, нусха бардоштан; ~ **архитекту́ру дворца́** услуби қасрро айнан ба кор бурдан

повтори́||ться *сов.* 1. такрор шудан, такрор ёфтан; **оши́бки ~лись** хатоҳо такрор ёфтанд; **разгово́р ~лся** суҳбат такрор шуд 2. айнан ба кор бурда шудан 3. *см.* **повторя́ться** 2

повто́рн||ый, -ая, -ое такрорӣ, дубора; **~ая па́хота** шудгори дубора; **~ый цикл ле́кций** силсилаи маърузаҳои такрорӣ; **~ое испо́льзование техни́ческих вод** такроран истифода бурдани оби техникӣ

повторя́емость *ж* такроршавӣ

повторя́ть *несов. см.* **повтори́ть**

повторя́ться *несов.* 1. *см.* **повтори́ться** 1, 2; 2. такрор кардан, такроран гуфтан, чизҳои гуфташударо такрор кардан 3. *страд.* такрор карда шудан

повыбега́ть *сов. разг.* (*о всех, многих*) тохта (дартоз) берун баромадан, тозон (давон) баромадан

повы́бежать *сов. см.* **повыбега́ть**

повыбива́ть *сов. см.* **повы́бить**

повы́бить *сов. что разг.* (*всё, многое*) зада баровардан, зада шикастан, зада нобуд кардан; ~ **все стёкла** тамоми шишаҳоро зада шикастан

повы́везти *сов. кого-что разг.* (*всё, многое, всех, многих*) баровардан, баровардa бурдан, кашондан

повы́вернуть *сов. что разг.* (*всё, многое*) чаппа кардан, тофта баровардан (кандан)

повывёртывать *сов. см.* **повы́вернуть**

повы́вести *сов. кого-что разг.* (*всё, многое, всех, многих*) нобуд кардан, берун баровардан

повы́ве||стись *сов. разг.* нобуд шудан, камьёб (ноёб) шудан, ҳеҷ намондан, барҳам хурдан; **ры́ба в реке́ ~лась** дар дарьё ҳеҷ моҳӣ намонд

повыводи́ть(ся) *сов. см.* **повы́вести(сь)**

повывози́ть *сов. см.* **повы́везти**

повы́гнать *сов. кого-что разг.* (*всех, многих*) рондан, ҳай (пеш) кардан

повыгоня́ть *сов. см.* **повы́гнать**

повы́дергать *сов. что разг.* (*всё, многое*) кандан, канда партофтан; ~ **все цветы́** тамоми гулҳоро кандан

повыдёргивать *сов. см.* **повы́дергать**

повыла́вливать *сов. см.* **повы́ловить**

повылеза́ть *сов. см.* **повы́лезти**

повы́лез||ти *сов. разг.* (*о всех, многих, о всём, многом*) баромадан, берун баромадан, баромада мондан; рехтан; **все во́лосы ~ли** тамоми мӯй рехт

повы́ловить *сов. кого-что разг.* (*всё, многое, всех, многих*) доштан дошта гирифтан, даст гирифтан, дастгир кардан, ба даст афтондан (даровардан)

повы́мереть *сов. разг.* (*о всех, многих*) мурдан, мурда нобуд (нест) шудан

повымира́ть *сов. см.* **повы́мереть**

повы́сить *сов.* 1. *что* баланд кардан, боло бардоштан; ~ **у́ровень воды́** сатҳи обро баланд кардан 2. *что* (*увеличить*) зиёд кардан, афзудан, афзоёндан; боло бардоштан; ~ **производи́тельность труда́** маҳсулнокии меҳнатро зиёд кардан // (*улучшить*) беҳтар кардан; боло бардоштан; ~ **благосостоя́ние наро́да** осудаҳолии халқро беҳтар кардан, халқро осудаҳолтар кардан; ~ **ка́чество проду́кции** сифати маҳсулотро беҳтар кардан 3. *кого-что в чём* баланд (боло) бардоштан, муътабартар кардан 4. *кого* (*по службе*) мартабаи баландтар додан, ба вазифаи калонтар таъин кардан 5. *что муз.* баланд кардан ◇ ~ **го́лос (тон)** бо овози баланд гап задан, оташинона гап задан, овозро сар дода (баланд карда) гап задан

повы́си||ться *сов.* 1. баланд шудан, боло шудан; **у́ровень воды́ в реке́ ~лся** сатҳи оби дарьё баланд шуд; **температу́ра днём ~лась** рӯзона ҳарорати ҳаво баланд шуд 2. (*увеличиться*) зиёд шудан, афзудан; баландтар шудан; **дохо́ды ~лись** даромад зиёд шуд; **интере́с к заня́тиям ~лся** шавқ ба машғулиятҳо зиёд шуд // (*улучшиться*) беҳтар шудан; баландтар шудан; **ка́чество проду́кции ~лось** сифати маҳсулот беҳтар шуд 3. *в чём* боло баромадан, мӯътабартар (баландтар) шудан; **~ться в мне́нии това́рищей** дар назари рафиқони худ мӯътабартар шудан 4. *разг.* (*по службе*) калонтар шудан, мансаби (вазифаи) баландтар гирифтан, соҳиби мансаби баландтар шудан

повыска́кивать *сов. см.* **повы́скочить**

повы́скочить *сов. разг.* (*о всех, многих*) ҷаҳида баромадан, ҷаста берун баромадан, бо шаст берун шудан

повы́таскать *сов. кого-что разг.* (*всё, многое, всех, многих*) берун баровардан

повыта́скивать *сов. см.* **повы́таскать**

повы́тащить *сов. см.* **повы́таскать**

повы́ть *сов.* муддате нола (уллос) кашидан

повыходи́ть *сов. разг.* (*о всех, многих*) берун баромадан, берун (хориҷ) шудан

повыша́ть *несов. см.* **повы́сить**

повыша́ться *несов.* 1. *см.* **повы́ситься**; 2. *страд.* баланд карда шудан

повыше́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **повы́сить**) баланд кардан(и), боло бардоштан(и); зиёд кардан(и); (*по знач. гл.* **повы́ситься**) баландшавӣ, болошавӣ; зиёдшавӣ, афзоиш; ~ **зарпла́ты** афзоиши музди кор; ~ **квалифика́ции** баланд бардоштани ихтисос, такмили тахассус; ~ **по слу́жбе** мансаби баландтар гирифтан(и) 2. (*возвышенность*) баландӣ, теппа

повы́шенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* баландшуда, болошуда; зиёдшуда 2. *прил.* баланд, аз андоза зиёд, ғайримуқаррарӣ; **~ая температу́ра** ҳарорати баланд; **~ый интере́с** мароқи баланд // (*о голосе и т. п.*) баландтар; **говори́ть ~ым то́ном** бо овози баландтар гап задан

по-вьетна́мски *нареч.* ветнамӣ, ба ветнамӣ

повяза́ть *сов. что* 1. бастан, печондан, банд кардан; ~ **шарф на ше́ю** ба гардан гарданбанд печондан 2. муддате бофтан

повяза́ться *сов.* ба худ бастан, ба худ печондан; ~ **кушако́м** ба худ камарбанд бастан // *разг.* сари худро бастан, ба сари худ бастан; ~ **платко́м** ба сари худ руймол бастан, сари худро бо руймол бастан

повя́зк||а *ж* банд, бандина, бандиш; **ги́псовая ~а** *бандинаи гачӣ*; **наложи́ть ~у на ра́ну** ҷароҳатро бо бандина бастан

повя́зывать *несов. см.* **повяза́ть** 1

повя́зываться *несов.* 1. *см.* **повяза́ться**; 2. *страд.* баста шудан

повя́||нуть *сов.* пажмурда (хушк, нобуд) шудан; **цветы́ ~ли** гулҳо пажмурда шуданд

погада́ть *сов.* фол дидан, қуръа андохтан (кушодан), рамл андохтан; муддате фарз (тахмин) кардан

погалде́ть *сов. прост.* муддате ғалоғула (талотум, мағал) кардан

пога́нец *м прост. бран.* мурдор, ҳаромӣ, нокас, разил, палид

пога́нить *несов. что прост.* ифлос (мурдор) кардан; ~ **посу́ду** зарфро ифлос кардан // (*осквернять*) ҳаром кардан, мурдор (наҷис) кардан

пога́ниться *несов. прост.* 1. ҳаром (мурдор, наҷис) шудан 2. ҳаром карда шудан

пога́нка *ж* 1. поганка, занбуруғи заҳрдор 2. мурғобии ғӯтазанак (*як навъи мурғобии гӯшташ бадхур*) 3. *женск. к* **пога́нец**

пога́но *нареч. разг.* бад, ганда, талх; **он чу́вствовал себя́ ~** кайфаш паридаги буд

пога́н||ый, -ая, -ое (пога́н, -а, -о) 1. нохӯрданӣ, заҳрдор; **~ый гриб** занбуруғи нохурданӣ 2. *разг.* ифлос, мурдор; **~ое ведро́** сатили ахлот 3. *разг.* бад, ганда, талх; **~ое настрое́ние** димоғи сӯхта, табъи гирифта, айши талх, кайфи паридагӣ // (*плохого качества*) бадсифат, бемаза, вайрон 4. *уст.* нораво, мурдор, ҳаром; **~ая пи́ща** хуроки ҳаром

по́гань *ж собир. прост.* мурдорӣ, чизҳои ҳаром (палид), наҷосат

погаса́ть *несов. см.* **пога́снуть**

погаси́ть *сов. что* 1. хомуш кардан, куштан 2. *перен.* адо кардан, пардохтан, додан; ~ **долги́** қарзҳоро адо кардан; ~ **почто́вую ма́рку** маркаи почтаро муҳр задан 3. *перен.* пахш (ботил, буғ) кардан; ~ **инициати́ву** ташаббусро пахш кардан, ба ташаббус роҳ надодан

пога́снуть *сов.* 1. хомӯш шудан, мурдан; **ого́нь в пе́чке пога́с** оташи печка хомӯш шуд // (*о глазах, взоре*) хира (тира) шудан 2. *перен.* (*о чувствах, мыслях*) нест шудан, намондан, кунд шудан, тира шудан 3. *перен.* торик шудан, тамом шудан; **день пога́с** руз тамом шуд; **звёзды пога́сли** ситораҳо нопадид шуданд 4. *перен.* пажмурдан, харобу адо шудан

погаша́ть *несов. см.* **погаси́ть 2**

погаше́ние *с* (*по знач. гл.* **погаси́ть** 2) адо, адо кардан(и), пардохт; ~ **долго́в** адои қарзҳо; ~ **госуда́рственных за́ймов** пардохтани заёмҳои давлатӣ

пога́шенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хомуш кардашуда, куштапуда; адо кардашуда 2. *прил.* пардохтшуда; ~**ая облига́ция** облигацияи пардохтшуда

погекта́рн||ый, -ая, -ое аз руи (аз ҳисоби) гектар дода мешудагӣ; ба ҳисоби гектар; ~**ая опла́та** музди аз руи гектар

погиба́ть *несов. см.* **поги́бнуть**

поги́бел||ь I *ж уст. и прост.* ҳалокат, завол, ҳалок шудан(и), маҳв шудан(и); ~**и на вас нет!** *бран.* муред!, бало занад шуморо!

поги́бел||ь II *ж:* **гнуть (согну́ть) в три** ~**и** *кого* миёнғу кардан; **согну́ться в три** ~**и** бисьёр сахт хам шудан, чорқат шудан; дуқату чорқат шудан

поги́б||нуть *сов.* нест (нобуд, маҳв) шудан, барҳам хурдан, вайрон (талаф) шудан, шикастан; **самолёт поги́б** самолёт нобуд шуд // мурдан, ҳалок шудан; ~**нуть сме́ртью хра́брых** ҳамчун далерон мурдан // (*о растениях*) талаф шудан, нобуд (маҳв) шудан // *перен.* аз байн рафтан, бар бод рафтан, барҳам хурдан; **его́ мечты́** ~**ли** орзуҳои вай бар бод рафтанд; **его́ репута́ция** ~**ла** обрӯи у аз байн рафт (рехт) ◇ ~**нуть ни за копе́йку** беҳуда (муфт) мурда рафтан шудан

поги́бши||й, -ая, -ее 1. *прич.* нобудшуда, вайроншуда, ҳалокшуда 2. *прил. и в знач. сущ.* **поги́бший** *м*, **поги́бшая** *ж* ҳалокшуда; **се́мьи** ~**х** [**военнослу́жащих**] оилаҳои хизматчиёни ҳарбии ҳалокшуда

погла́дить *сов.* 1. *что разг.* уттӣ (дарзмол) кардан, уттӣ пахш кардан 2. *кого-что* молидан, молиш додан, сила кардан; ~ **ребёнка по голове́** сари кӯдакро сила кардан

погла́живать *несов. кого-что* гоҳ-гоҳ молидан (молиш додан), кам-кам сила кардан

поглазе́ть *сов. прост.* муддате тамошо кардан, андаке нигоҳ кардан (чашм духтан)

поглода́ть *сов. разг.* 1. *что, чего* андак хоидан (дандон задан) 2. *что* хоидан; таги дандон гирифтан

поглота́ть *сов. разг.* 1. *что, чего* андак фуру бурдан, андак хурдан (дарун кашидан) 2. *что* (*всё, многое*) андак-андак хурда тамом кардан, аз як сар фуру бурдан

поглоти́тель *м* ҷаббанда, ба худ кашанда; гиранда, фурӯкашанда; **хими́ческий** ~ ҷаббандаи химикӣ

поглоти́||ть *сов.* 1. *что* ҷаббидан, ба худ кашидан, макидан, дарун кашидан; ~**ть вла́гу** нами ҷаббидан; ~**ть со́лнечные лучи́** нури офтобро нагузарондан 2. *что перен.* аз худ кардан, ёд гирифтан, омӯхтан 3. *кого-что* дарун кашидан, пинҳон (ҷогоҳ) кардан; **мо́ре** ~**ло ло́дку** баҳр заврақро ба комаш кашид, заврақ дар баҳр ғарқ шуд (фуру рафт)// (*сделать невидимым*) фаро гирифтан 4. *кого-что перен.* ҷалб намудан, фаро гирифтан; **рабо́та** ~**ла его́ целико́м** кор уро тамоман фаро гирифт 5. *что перен.* гирифтан; банд кардан; **э́та рабо́та** ~**ла мно́го вре́мени** ин кор вақти бисьёреро гирифт

поглоти́ться *сов.* 1. ҷаббида шудан, кашида шудан 2. *перен.* фаро гирифта шудан, саргарм шудан, сар то сар машғул шудан, ғарқи чизе шудан

поглоща́ть *несов. см.* **поглоти́ть**

поглоща́ться *несов.* 1. *см.* **поглоти́ться**; *страд.* ҷаббида шудан

поглоще́ние *с* (*по знач. гл.* **поглоти́ть**) ҷаббиш, дарун кашидан(и); (*по знач. гл.* **поглоти́ться** 1) ҷаббида шудан(и), кашида шудан(и); ~ **вла́ги** ҷаббида шудани намӣ; ~ **све́та** ба худ кашидани рушноӣ

поглуми́ться *сов. над кем-чем* муддате масхара (тамасхур, истеҳзо) кардан, якчанд вақт мазоҳ (мазоқ) кардан

поглупе́ть *сов.* аҳмақ (аблаҳ, камақл, нодон) шудан, ақли худро гум кардан (хурдан)

погляде́нье *с:* **на** ~ *уст. разг.* барои тамошо, кирои дидан; **лю́дям на** ~ ба назари дӯсту душман; барои тамошои мардум

погляде́ть *сов.* 1. *на кого-что и без доп.* нигоҳ кардан, назар (чашм) андохтан, чашм дӯхтан; ~ **на воше́дшего** ба шахси воридшуда нигоҳ кардан; ~ **из окна́** аз тиреза нигоҳ кардан 2. 1 *л. ед. буд.* **погляжу́** *разг.* фикр (андеша) мекунам; 1 *л. мн. буд.* **погляди́м** *разг.* тафтиш мекунем, мебинем ◇ **как [я] погляжу́** *в знач. вводн. сл.* маълум мешавад, ки...; аз афти кор; ба назарам, ба гумонам

погляде́ться *сов.* нигоҳ (тамошо, наззора кардан); ~ **в зе́ркало** ба оина чашм духтан (наззора кардан)

погля́дывать *несов.* 1. *на кого-что и без доп.* чашм давондан, гоҳ-гоҳ нигоҳ (наззора) кардан; ~ **по сторона́м** гоҳ-гоҳ ба атроф чашм давондан 2. *за кем-чем разг.* нигоҳубин (назорат) кардан, дидбонӣ кардан, хабардор шудан, хабардорӣ кардан, бохабар истодан; ~ **за детьми́** ба бачагон нигоҳубин кардан, аз бачаҳо хабардор шудан

погна́ть *сов. кого-что* 1. рондан, пеш (ҳай) кардан, сур кардан 2. ҳай карда бурдан, ронда бурдан; ~ **бара́нов** гусфандҳоро ҳай карда бурдан 3. тозондан, давондан, тез давондан, дартоз кардан, чорхез давондан (кардан); ~ **ло́шадь во весь опо́р** аспро чорхез кардан 4. *см.* **погоня́ть** I 2

погна́ться *сов.* 1. *за кем-чем* дунболагирӣ (таъқиб) кардан, аз паи *касе, чизе* давидан, аз ақиби *касе, чизе* тохтан 2. *за чем разг.* аз паи чизе шудан; ~ **за сла́вой** аз паи шӯҳрат шудан иззатталабӣ кардан ◇ ~ **за двумя́ за́йцами** аз ин монда, аз вай ронда

погни́ть *сов. разг.* пусидан, тосидан, фосид (вайрон) шудан

погнои́ть *сов. что разг.* (*всё, многое*) пусондан, фосид кардан

по́гнутость *ж* хамидагӣ, каҷӣ, хам (каҷ) будан(и)

по́гнутый, -ая, -ое 1. *прич.* хам кардашуда, қат кардашуда 2. *прил.* хам, каҷ, қат

погну́ть *сов. что* 1. хамондан, хам (каҷ) кардан, қат кардан; ~ **желе́зный прут** симпораи ғафсро қат кардан 2. муддате хамондан

погну́ться *сов.* хам (каҷ) шудан, қат шудан

погнуша́ться *сов. кого-чего и с неопр. разг.* ҳазар кардан, руй гардондан, ор кардан, кароҳат (нафрат) доштан

погова́рива||ть *несов. о ком-чём и с союзом «что»* 1. гаштаву баргашта гуфтан, гоҳ-гоҳ гуфтан; **он нача́л** ~**ть об отъе́зде** вай ғоҳ-гоҳ дар бораи рафтанаш гап мезадагӣ шуд 2. *чаще безл. 3л. мн.* **погова́ривают** гап-гап мекунанд; ~**ют, что он ско́ро прие́дет** гап-гап мекунанд, ки ӯ ба наздикӣ меояд

поговори́ть *сов. о ком-чём* гап задан, гуфтугу (суҳбат, гапзанон) кардан; ~ **по душа́м** самимона (аз тахти дил) гап задан

погово́рк||а *ж* мақол, масал; **посло́вицы и** ~**и** зарбулмасалу мақол; **войти́ в** ~**у** забонзад (афсона) шудан, ба ҳукми мақол (масал) даромадан

пого́д||а *ж* ҳаво; обу ҳаво; **жа́ркая** ~**а** ҳавои гарм; **дождли́вая** ~**а** ҳавои боронӣ; **лётная** ~**а** ҳавои мувофиқи парвоз; **бюро́** ~**ы** бюрои обу ҳаво ◇ **де́лать** ~**у** таъсири ҳалкунанда доштан, роли муҳим бозӣ кардан; **ждать у мо́ря** ~**ы** ба умеди рӯзи «ҳафтшанбе» шудан

погод||и́ть *сов. разг.* 1. сабр (тавақкуф) кардан, чашм доштан, нигарон будан, интизорӣ кашидан 2. *повел.* **погоди́(те)** ист(ед); ~**и́, я до тебя́ доберу́сь!** ҳоло ист, ҷазоятро медиҳам!; сабр кун, ба дастам меафтӣ! ◇ **немно́го** ~**я** баъд аз андак вақт, андак пас, дере нагузашта, ба зуди

пого́дка *ж ласк. к* **пого́да**; **ну и** ~! ҳавоя бинед -а!

пого́дн||ый I, -ая, -ое ...и ҳар сол, ...и сол ба сол, ҳарсола; ~**ые за́писи** қайдҳои ҳарсола

пого́дн||ый II, -ая, -ое ...и ҳаво, ...и обу ҳаво; **неблагоприя́тные** ~**ые усло́вия** шароити номусоиди ҳаво; шароити номусоиди обу ҳаво

пого́д||ок *м* шир ба шир; **бра́тья** ~**ки** бародарони шир ба шир

пого́ж||ий, -ая, -ее хушҳаво, соф, офтобӣ, ...и ҳавояш кушод; ~**ий день**

рӯзи хушҳаво; ~ая осень тирамоҳи хушҳаво (хушобу ҳаво)

поголо́вно *нареч.* саросар, бе истисно, комилан, якта намонда, ҳама; **все** ~ ҳама сар ба сар; **извести́ть всех** ~ ҳамаро сар ба сар хабардор кардан

поголо́вн||ый, -ая, -ое 1. ...и саршумор; ~ **счёт скота** ҳисоби саршумори чорво 2. сар то сар, саросар, умумӣ; ~ **учёт** баҳисобгирии умумӣ

поголо́вь||е *с* саршумор, миқдори умумии ҳайвонот; **рост** ~**я скота́** афзоиши саршумори ҳайвонот

поголода́ть *сов.* якчанд вақт гурусна мондан, муддате гуруснагӣ кашидан

поголоси́ть *сов. уст. и прост.* муддате бо овози баланд гирья кардан, якчанд вақт навҳа кардан

поголубе́ть *сов.* кабуд шудан, кабудча (кабудтоб) шудан

пого́нный, -ая, -ое тулонӣ, ...и дарозӣ, ба қад (ба дарозӣ) ченшаванда; ~ **метр** метри тулонӣ

пого́нщик *м* ҷуфтрон, ҳайкунанда, ронанда; ~ **му́ла** ҳайкунандаи хачир, хачиррон; ~ **ста́да** ронандаи гала, галабон

пого́ны *мн.* (*ед.* **пого́н** *м*) погонҳо; **офице́рские** ~ погонҳои офицерӣ

пого́н||я *ж* 1. таъқиб(от), таъқиб кардан(и), дунболагирӣ, аздунболравӣ; **пусти́ться в** ~**ю** дунболагирӣ кардан 2. *собир.* таъқибкунандагон 3. *перен.* кӯшиш, ҳирс, ҳавас, талош; **в** ~**е за сла́вой** ба ҳирси шуҳрат афтода; аз паи шуҳрат шуда

погоня́ть I *несов.* 1. рондан, ҳай кардан, давондан, тозондан; ~ **ло́шадь** аспро давондан 2. *перен. разг.* (*торопить*) шитоб кунондан, саросема кардан

погоня́ть II *сов. кого* муддате давондан; ~ **ло́шадь на мане́же** аспро дар манеж муддате давондан

погоня́ться I *несов. страд.* ронда шудан

погоня́ться II *сов. за кем-чем разг.* муддате таъқиб кардан, муддате дунболагирӣ кардан

погора́ть *несов. см.* **погоре́ть** 1, 2

погорева́ть *сов.* муддате андӯҳгин шудан, муддате ғам (ғусса) хӯрдан

погоре́лец *м* [одами] хонасухта

погоре́л||ый, -ая, -ое *уст. разг.* сухта, аз оташ нобудшуда; ~**ое ме́сто** ҷои сухтор

погоре́||ть *сов.* 1. сухтан, сухта нобуд шудан; **дере́вня** ~**ла** деҳа сухта нобуд шуд // аз сухтор бе хонаю ҷой мондан, аз оташ зарар дидан 2. тамоман хушк шудан, аз беобӣ (аз хушкӣ) нобуд шудан; **хле́ба** ~**ли от за́сухи** ғалла аз беобӣ тамоман нобуд шуд 3. *разг.* пусидан, тосидан; **се́но** ~**ло в стогу́** хасбеда дар ғарам пусидааст, ғарами беда пусид 4. андак сухтан, муддате оташ гирифтан; **свеча́ немно́го** ~**ла и пога́сла** шамъ андак сухту мурд 5. *перен. прост.* шикаст хӯрдан, ба вазъияти сахт афтидан; завол ёфтан, дучори нокомӣ шудан

погорячи́ться *сов.* оташин (хашмгин) шудан, тунду тез шудан

пого́ст *м* 1. қабристони деҳа, гуристони деҳа, мазори деҳа 2. *уст. и обл.* (*церковь с кладбищем*) калисову қабристон // *обл.* (*церковный двор*) ҳавлии калисо

погости́ть *сов.* муддате меҳмон шудан, дар меҳмонӣ будан; ~ **у ро́дственников** дар хонаи хешу табор меҳмон шудан, меҳмони хешу табор шудан

пого́стный, -ая, -ое 1. ...и қабристони деҳа 2. ...и ҳавлии калисо

погра́бить *сов. кого-что* ғорат яғмо кардан, тороҷ (толон) кардан кардан

погран: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сарҳаддӣ»*: **погранзаста́ва** заставаи сарҳаддӣ

пограни́чник *м* сарҳадчӣ, сарҳадбон

пограни́чн||ый, -ая, -ое 1. сарҳаддӣ, ...и сарҳад, ...и ҳудуд; ~**ая охра́на** муҳофизати сарҳаддӣ; ~**ый райо́н** ноҳияи сарҳаддӣ; ~**ый столб** сутуни сарҳад; ~**ый инциде́нт** ҳодисаи сарҳаддӣ; ~**ые войска́** қушунҳои сарҳаддӣ 2. ...и сарҳадчӣ, ...и сарҳадбон, сарҳаддӣ; ~**ая фо́рма** либоси сарҳадчӣ

по́греб *м* 1. таҳхона, ура; **храни́ть проду́кты в** ~**е** хӯроквориро дар таҳхона нигоҳ доштан; **ви́нный** ~ махзани (сардобаи) шароб; **порохово́й** ~ борутхона, анбори доруи милтиқ 2. *уст.* захираи машрубот 3. *уст.* майкада, майхона

погреба́льн||ый, -ая, -ое ...и дафн, ...и гӯр кардан(и), ...и ҷаноза; ~**ый обря́д** маросими дафн; ~**ая проце́ссия** маросими ҷаноза

погреба́ть *несов. см.* **погрести́** I

погребе́ни||е *с* (*по знач. гл.* **погрести́** I) дафн, дафнкунӣ, гӯр кардан(и), ба хок супурдан(и); **ме́сто** ~**я** ҷои дафн, қабр

погребе́ц *м уст.* яхдонча, сандуқчаи сафар

погребно́й, -ая, -ое ...и таҳхона, ...и ура; ~ **за́пах** бӯи таҳхона (ура)

погребо́к *м уст.* майкада, майхона

погреме́ть *сов.* муддате гулдуррос задан, андаке ғурридан (гулдур-гулдур) кардан

погрему́шка *ж* шақшақа, шиқшиқа, чиқчиқа

погрести́ I *сов. кого-что* 1. дафн (гӯр) кардан, ба хок супурдан 2. *перен.* фаромӯш кардан, аз ёд баровардан

погрести́ II *сов.* 1. *чем* муддате белкашӣ кардан, андак бел кашидан; каме завракронӣ кардан 2. *что* муддате тӯда (ҷамъ) кардан, андаке тӯп (ғарам) кардан; ~ **се́но** хасбедаро андаке тӯда кардан

погре́ть *сов. кого-что* андаке гарм кардан; ~ **ру́ки у огня́** дастҳоро дар оташ андаке гарм кардан

погре́ться *сов.* андаке гарм шудан; ~ **на со́лнышке** дар офтоб андаке гарм шудан, каме офтоб хӯрдан

погреши́ть *сов.* 1. *против чего, чем книжн.* хато (саҳв, иштибоҳ, ғалат) кардан, гуноҳ [содир] кардан; ~ **про́тив и́стины** ҳақиқатро вайрон кардан, ҳақро ноҳақ кардан 2. муддате гуноҳ кардан, муддате кори вубол кардан

3. *на кого уст. разг. и прост.* беҳуда айбдор кардан, бегуноҳ айбдор кардан

погрози́ть *сов. кому-чему и без доп.* таҳдид (пӯписа) кардан, дуғ задан, тарсондан

погрози́ться *сов. разг. см.* **погрози́ть**

погро́м *м* 1. ғорат, зерузабар, катли ом, торумор; бар бод додан(и) 2. катлу ғорат, саркубӣ (*бар зидди ягон гурӯҳи миллӣ*)

погро́мн||ый, -ая, -ое (*призывающий к погрому*) ба қатлу ғорат даъваткунанда; торуморкунанда, кушанда; ~**ая статья́** ба қатлу ғорат даъваткунанда

погро́мщик *м* иштироккунандаи катлу ғорат, ғоратгар, қаттол

погромыха́ть *сов. разг.* муддате гулдуррос (гулдур-гулдур) кардан, муддате тақаррос задан

погромы́хивать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ гулдуррос задан, гулдур-гулдур садо додан

погрохота́ть *сов. разг.* муддате гулдуррос (ғуррос) задан, андаке ғур-ғур кардан

погрубе́л||ый, -ая, -ое *разг.* дағал, дурушт, шахшӯл; ~**ая ко́жа** пӯсти шахшӯл

погрубе́||ть *сов.* 1. дағал (дурушт, шахшӯл) шудан, сахт гардидан; **ко́жа на рука́х** ~**ла** пусти дастҳо шахшӯл шуд // (*о голосе*) хир-хир (дур-дур) шудан, дурушт шудан, ғафс шудан 2. дағал шудан, бетакаллуф (густох, беадаб) шудан

погружа́ть *несов. см.* **погрузи́ть**

погружа́ться *несов.* 1. *см.* **погрузи́ться**; 2. *страд.* бор карда шудан

погруже́ние *с* (*по знач. гл.* **погрузи́ть** 1) ғарккунӣ, ғӯтондан(и), ғӯтониш; (*по знач. гл.* **погрузи́ться** 1) ғаркшавӣ, ғӯтавар шудан(и), ғӯтидан(и); ~ **подво́дной ло́дки** ғӯтавар шудани киштии зериобӣ

по-грузи́нски *нареч.* грузинӣ, ба грузинӣ, гурҷӣ, ба гурҷӣ

погрузи́ть *сов. кого-что* 1. ғарқ кардан, ғӯтондан; ба об андохтан, зери об кардан 2. *во что перен. прич.* **погружённый** фаро гирифтан, мубтало кардан, гирифтори холате кардан; **он с голово́й погружён в рабо́ту** вай то биниаш ғарқи кор шудааст; **дом погружён во тьму** хонаро торикӣ фаро гирифт 3. бор кардан; бо бор пур кардан; ~ **това́ры в ваго́н** молро ба вагон бор кардан

погрузи́||ться *сов.* 1. ғарқ (ғӯтавар) шудан, ғӯта хӯрдан; фуру рафтан; ~**ться в во́ду** ба об ғӯтидан 2. *во что перен.* ғарқ шудан, мубтало шудан, гирифтори ҳолате шудан; ~**ться в сон** хоб рафтан, ба хоб рафтан, ғарқи хоб шудан; **го́род** ~**лся в темноту́** шаҳрро торикӣ фаро гирифт; **с голово́й** ~**ться в рабо́ту** саргарми (ғарқи) кор шудан, ~**ться в заду́мчивость** ғарқи андеша шудан 3. савор шудан; ~**ться на по́езд** ба поезд савор шудан

погру́зка *ж* (*по знач. гл.* **погрузи́ть** 2) бор кардан(и); савор кардан(и); (*по знач. гл.* **погрузи́ться** 2) савор шудан(и); ~ **у́гля** бор кардани ангишт; ~ **това́ров** боркунии мол, молборкунӣ

погрузне́ть *сов. разг.* вазнинтар (фарбеҳтар) шудан

погру́зочн||ый, -ая, -ое ...и боркунӣ, боркунанда; ~**ые рабо́ты** корҳои боркунӣ; ~**ые маши́ны** мошинҳои боркунанда

погру́зчик *м* мошини худрави боркунанда; **тра́кторный** ~ трактори боркунанда

погрусти́ть *сов. о ком-чём и без доп.* муддате ғамгин (андӯҳгин) шудан, андаке ғусса хӯрдан

погрустне́ть *сов. разг.* ғамгин (андӯҳгин) шудан

погры́з *м охот.* асари хоидан (дандон задан), паи (нақши) дандон, ҷои хоидашуда; ~ **бе́лки** нақши дандонҳои санҷоб

погры́зть *сов. что* 1. муддате хоидан, андаке дандон задан 2. *разг.* (*всё, многое*) хоида (шикаста) хӯрдан; ~ **все оре́хи** тамоми чормағзҳоро хоида (шикаста) хӯрдан // (*попортить зубами*) дандон зада вайрон кардан

погры́зться *сов.* ҳамдигарро газидан (хоидан), зери дандон гирифтан, дандон задан // *перен. разг.* ҷанг кардан, ҷангӣ шудан, мунокиша кардан, гапнозаи шудан

погряза́ть *несов. см.* **погря́знуть**

погря́знуть *сов. в чём* ғутидан, фуру рафтан; **колёса погря́зли в гли́не** чархҳо ба гил ғутиданд // *перен.* ғарқ (гирифтор, дучор, мубтало) шудан, фуру рафтан; дармондан; ~ **в долга́х** зери бори қарз мондан; ~ **в неве́жестве** ба [ботлоқи] ҷаҳолат фуру рафтан

погуби́тель *м уст.* несту нобуд кунанда

погуби́тельница *женск. к* **погуби́тель**

погуби́ть *сов. кого-что* нобуд (нест, ҳалок, хароб) кардан, ба ҳалокат расондан

погуде́ть *сов.* муддате садо додан, каме ғунгос задан; андаке бонг задан

погу́дка *ж обл.* (*напев, мелодия*) оҳанг, ҳаво, нағма // (*присказка*) матал, шуг, аввали матал (шуг), муқаддимаи афсона; **ста́рая** ~ **на но́вый лад** *погов.* хар ҳамону полонаш дигар

погу́ливать *несов. разг.* 1. сайр (гаштугузор) кардан, пасу пеш гардиш кардан 2. гоҳ-гоҳ айёшӣ (айшу ишрат, беҳудагардӣ, кайфу сафо) кардан

погуля́ть *сов.* 1. андак сайр (гаштугузор) кардан, гаштан (гардиш кардан) 2. *разг.* муддате вақтхушӣ кардан, муддате шодмонӣ (хурсандӣ, димоғчоқӣ) кардан

погусте́ть *сов.* зич(тар) шудан, ғализ(тар) шудан, ғафс(тар) шудан

под I *м* фарши (таги, замини) печка

под II (подо) *предлог* 1. *с вин.* (*на вопрос «куда?»*) *ба зери..*, ба таги...; **поста́вить чемода́н** ~ **крова́ть** чамадонро ба зери кат мондан; **положи́ть** ~ **стекло́** ба таги шиша гузоштан; **смотре́ть по́д ноги** ба таги пой нигоҳ кардан // дар зери..., дар таги...; **идти́** ~ **дождём** дар зери борон рафтан // (*снизу*) аз, аз зери...; **взять по́д руку** аз зери бағал гирифтан; **сруби́ть** ~ **ко́рень** аз реша буридан 2. *с вин.* (*с глаголами «взять», «отдать», «попасть» и т. п.*) ба (дар) зери..., ба; **взять** ~ **контро́ль** ба зери назорат гирифтан; **взять** ~ **свою́ защи́ту** дар зери ҳимояти худ гирифтан; **отда́ть** ~ **суд** ба суд додан, ба маҳкама супурдан; **подпа́сть** ~ **чьё-л. влия́ние** ба (дар) зери таъсири касе афтидан 3. *с вин.* (*указывает место, к которому направляется кто-л.*) ба атрофи..., ба музофотӣ...; **уе́хать на ле́то** ~ **Москву́** дар тобистон ба музофоти Москва рафтан 4. *с вин.* (*накануне, перед чем-л.*) дар арафаи..., бегоҳи..., [дар] шаби...; қариби..., дар қарибии..., наздики..., дар дами...; ~ **пра́здник** дар арафаи ид, бегоҳи ид; **в ночь** ~ **Но́вый год** дар шаби Соли Нав; ~ **у́тро** қариби саҳар; ~ **ве́чер** дар қарибии шом // (*о возрасте*) ба таги...; **ему́** ~ **со́рок** синнаш ба таги чил рафт 5. *с вин.* (*в сопровождении чего-л.*) дар [зери], бо, ҳамроҳи...; ~ **зву́ки му́зыки** дар зери садои мусиқӣ; **писа́ть** ~ **дикто́вку** бо дикта навиштан; гуфтаҳои касеро навиштан; ~ **аплодисме́нты** бо чапакзанӣ 6. *с вин.* (*указывает назначение предмета*) барои; **ба́нка** ~ **варе́нье** зарфи мураббо; **отвести́ уча́сток** ~ **сад** барои боғ замин ҷудо кардан 7. *с вин.* (*наподобие*) монанди..., мисли..., ...монанд, ...барин; **шу́ба** ~ **ко́тик** пустини пусташ ба пусти гурбаи обӣ монанд; **отде́лать** ~ **мра́мор** ба мармар монанд кардан, худи мармар барин кардан; **шкаф** ~ **кра́сное де́рево** ҷевони чубаш аъломонанд // (*с глаголами «стричь», «подстригать» и т. п.*) монанди..., ...барин; бо; **подстри́чь** ~ **ма́льчика** мӯйсарро аз они писарбача барин карда гирондан; **остри́чь** ~ **маши́нку** мошин[ка] катӣ гирондан, бо мошин[ка] тахт кунондан 8. *с вин.* (*в обмен на ручательство*) бо; **дать де́ньги** ~ **распи́ску** пулро бо дастхат додан; **отпусти́ть** ~ **че́стное сло́во** бо қавли виҷдон сар додан, ба лафзаш (ба қавлаш) бовар карда сар додан 9. *с тв.* (*на вопрос «где?»*) дар зери..., дар таги...; ~ **столо́м** дар зери миз; ~ **наве́сом** дар таги айвон; ~ **дождём** дар таги борон; ~ **огнём проти́вника** дар зери оташи душман 10. *с тв.* (*указывает состояние, в котором кто-что-л. находится*) дар зери..., дар таҳти...; ба туфайли..., ба шарофати...; ~ **охра́ной зако́на** дар таҳти ҳимояи қонун; ~ **и́гом самодержа́вия** дар зери юғи истибдод; ~ **присмо́тром кого́-л.** дар таҳти назорати касе // *в сочет.:* ~ **замко́м**, ~ **ключо́м** қулф карда; **держа́ть** ~ **замко́м (ключо́м)** қулф карда мондан 11. *с тв.* (*вследствие*) бо, дар натиҷаи..., дар зери...; **сде́лать что́-л.** ~ **угро́зой** кореро дар натиҷаи таҳдид кардан; ~ **впечатле́нием конце́рта** дар зери таассуроти концерт; ~ **де́йствием тепла́** аз (дар зери) таъсири гармӣ 12. *с тв.* (*около*) дар наздикии..., назди...; дар музофоти...; **жить** ~ **Москво́й** дар наздикии Москва зиндагӣ кардан 13. *с тв.* (*указывает цель, назначение чего-л.*) барои; **по́ле** ~ **карто́фелем** замин барои кошитани картошка, замини картошкакорӣ 14. *с тв.* (*указывает характерный признак*) бо, зери..., -дор, -гӣ; **дом** ~ **желе́зной кры́шей** хонаи бомаш аз тунука, хонаи тунукапуш; **сту́дио** ~ **сове́тским фла́гом** киштии зери байрақи советӣ, киштии байрақаш советӣ; **писа́ть** ~ **псевдони́мом** бо тахаллус навиштан

под- (подо-, подъ-) *приставка* 1. *префикси феълсозе, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *ҷорӣ шудани амал аз поён ба боло* — **подбро́сить** ба боло ҳаво додан; **подпры́гнуть** ҷаҳидан, ҷастан 2) *иҷро шудани амал аз таг, дар таг, дар поин* — **подложи́ть** ба таги чизе гузоштан; **подгоре́ть** аз таг сухтан 3) *паҳн шудани амал ба таг, поён, ба қисми поёнии чизе*—**подкопа́ть** аз зер кофтан; **подши́ть** аз таг дӯхтан 4) *наздикшавӣ ба касе, чизе* — **подбежа́ть** тохта наздик шудан, давида омадан; **подъе́хать** савора наздик шудан 5) *илова, изофашавӣ* — **подли́ть** барилова рехтан, боз рехтан; **подсы́пать** барилова рехтан, андохтан, пошидан 6) *иҷро шудани амал дар дараҷаи сусттаре* — **подлечи́ться** худро каму беш муолиҷа кунондан, худро каме табобат кунондан; **подсо́хнуть** андак хушк шудан, нимхушк шудан 7) *ба таври махфӣ, пинҳонӣ анҷом дода шудани амал* — **подгляде́ть** пинҳонӣ нигоҳ кардан; **подкра́сться** ноаён (махфӣ) наздик шудан 8) *аз паи, ақиби чизе анҷом дода шудани амал ҳамчун такрор ё ҳамроҳшавӣ ба амали каси дигар* — **подвыва́ть** ҳамроҳ шуда уллос кашидан; **подпева́ть** ҷур шудан, ҳамовоз шудан 2. *префикси исмсозе, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *дар зери чизе воқеъшуда* — **подземе́лье** хонаи зеризаминӣ; **подко́жный** зерипустӣ 2) *дар наздикии зич ба чизе воқеъшуда* — **подтро́пики** минтақаи назди тропик 3) *қисм, шуъба ё ҳиссаи чизеро ташкилдиҳанда* — **подкла́сс** гуруҳча, қисмча; як қисми гурӯҳ; **подразделе́ние** қисм, қисмат, ҷузъ, узв 4) *дар таҳти идораи касе буда, ба соҳа ва доираи чизе мансуб буда* — **подо́пытный** таҷрибавӣ; **поднадзо́рный** таҳтиназоратӣ 5) *унвон ва рутбаи поёнтар нисбат ба каси дигар доишта, муовини касе дар ягон кор ва вазифа буда* — **подмасте́рье** халифа; шогирди усто 6) *аз рӯи сифат ва хусусияти худ ба касе ё чизе наздик ва монанд буда* — **по́дгруздь** подгруздь, занбуруғи груздьмонанд

подава́льщик *м* оваранда, чизбиёр, чизкашон; ~ **бето́на** оварандаи бетон, бетонбиёр

подава́льщица *ж* 1. *женск к* **пода-**

вальщик; 2. зани хӯрокбиёри ошхона, пешхизмат (дар ошхона)

подавание *с см.* подача 1

подавать *несов.* 1. *см.* подать; 2. *что* оварда мондан, кашидан (*таомро*) 3. *что и без доп. театр.* суханҳои рольро гуфта додан; луқма додан (*ба артистон*) ◇ ~ **надежды** умед бахшидан, боистеъдод будан; ~ **признаки жизни** аломати (нишонаи) зиндагӣ зоҳир кардан; **он не подаёт никаких признаков жизни** ҳеҷ аломати зинда буданаш нест, ягон нишонаи зиндагӣ (ҳаёт) надорад

подаваться *несов.* 1. *см.* податься; 2. *страд.* дода (оварда) шудан

подавить *сов.* 1. *что* муддате фушурдан (фишор додан), андак зер (маҷақ) кардан, каме сиққондан; ~ **лимон** лимуро фушурдан 2. *кого-что* (*всё, многое*) зер (пахш) кардан, зери по кардан; ~ **все персики** ҳамаи шафтолуро пахш кардан 3. *что* хомӯш (ором, сокит) кардан, фуру нишондан, хобондан, саркуб кардан; ~ **восстание** шуришро фуру нишондан // *перен.* бартараф кардан, аз байн бурдан, нишон надодан, номаълум кардан, худдорӣ кардан; ~ **улыбку** аз табассум худдорӣ кардан; ~ **вздох** оҳ аз дил набаровардан; ~ **стон** аз нолаву оҳ худдорӣ кардан, ноларо бартараф кардан; ~ **страх** тарсро аз байн бурдан 4. *кого-что, чем* маҳву мот кардан, ғалаба кардан, мағлуб кардан, зери таъсир гирифтан; ~ **своим великолепием** бо ҳашамати худ маҳву мот кардан; бо салобати худ пахш кардан 5. *кого-что* руҳафтода сохтан, зиқ кардан, ба ҷон расондан, афсурда (безор) кардан

подавиться *сов. чем и без доп.* гулугир (хафа) шудан; ~ **костью** устухон дар гулӯ мондан

подавление *с* (*по знач. гл.* **подавить** 3) хомӯш (ором, саркуб) кардан(и), фурунишонӣ; ~ **мятежа** саркуб кардани исьён

подавленност||ь *ж* дилтангӣ, руҳафтодагӣ, зиққӣ, маъюсӣ, талхкомӣ, афсурдахотирӣ; **чувство** ~**и** ҳисси дилтангӣ

подавленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* фушурдашуда 2. *прил.* паст, ба зур шунидашаванда, бесадошуда; ~**ый стон** нолаи ба зур шунидашаванда, нолаи ношунаво 3. *прил.* дилтанг, руҳафтода, зиқ, маъюс, талхком, афсурдахотир; ~**ое настроение** дилтангӣ, кайфночоқӣ, руҳафтодагӣ

подавлять *несов. см.* **подавить** 3—5

подавляющ||ий, -ая, -ее 1. мутлақ, зиёд, афзалиятнок, ғолиб; ~**ее большинство голосов** аксарияти мутлақи овозҳо 2. (*гнетущий*) дилтангкунанда, зиққунанда, маҳзункунанда, ҳузновар

подавно *нареч. разг.* албатта, хусусан, махсусан, алалхусус, асло; ҳоҷати гап ҳам не, бешубҳа; **он и** ~ **не сможет этого сделать** вай асло ин корро карда наметавонад

подагра *ж мед.* никрис, дарди мафосил

подагрик *м разг.* гирифтори бемории никрис

подагрическ||ий, -ая, -ое никрисӣ, ...и дарди мафосил, ...и никрис; ~**ие боли в ногах** дарди никрисии пойҳо

подальше *нареч. разг.* дуртар, онсутар, онтарафтар, боз ҳам дуртар ◇ **от греха** ~ аз бало ҳазар (дур)

подарить *сов. кого-что* бахшидан, ҳадья (пешкаш) кардан, туҳфа додан, армуғон (савғо) овардан; ~ **что-л. на память** чизеро барои ёдгорӣ туҳфа додан

подарок *м* бахшиш, ҳадья, пешкаш, туҳфа, армуғон, савғо[тӣ], раҳовард; **получить что-л. в** ~ чизе туҳфа гирифтан

подарочн||ый, -ая, -ое ёдгорӣ, совғотӣ, туҳфабоб, ҳадьяшаванда, туҳфашаванда; ~**ые духи** атри туҳфабоб

податель *м* диҳанда, оваранда, тақдимкунанда; ~ **письма** диҳандаи мактуб; номанавис

подательница *женск. к* **податель**

податливость *ж* 1. қаишӣ, ёзандагӣ, коройӣ, мулоимӣ; ~ **материала** коронии материал 2. *перен.* нармӣ, мулоимӣ, гапдароӣ; ~ **характера** нармии табиат, нармтабъӣ

податлив||ый, -ая, -ое (**податлив**, -а, -о) 1. қаиш, ёзанда, мулоим; ~**ая порода** ҷинси мулоим 2. *перен.* нарм, мулоим, кобил, гапдаро, гаправ; ~**ый характер** табиати нарм

податн||ой, -ая, -ое *ист.* 1. хироҷӣ, андозӣ, ...и хироҷ, ...и андоз; ~**ое обложение** ҷаримаандозӣ, ҷаримаситонӣ // хироҷдиҳанда, андоздиҳанда; ~**ое сословие** табақаи андоздиҳанда 2. *в знач. сущ.* **податной** *м* боҷгир, хироҷғундор, андозгундор

подать *ж ист.* хироҷ, андози сарона

подать *сов.* 1. *что* додан, оварда додан, гирифта додан; ~ **пальто** пальтоёро оварда додан (пушондан) 2. *что* (*еду, питьё*) овардан, додан, гузоштан, мондан, оварда гузоштан (мондан); ~ **ужин** таоми шомро оварда гузоштан 3. *что и без доп.* садақа додан; ~ **нищему** ба гадо садақа додан 4. *кого-что* ҷо кардан, наздик овардан, тиққондан; ~ **патрон в канал ствола** тирро ба мил ҷо кардан; ~ **лошадей** аспҳоро пеши дарвоза овардан // *что* расондан, оварда (бурда) расондан; ~ **лес на стройку** чубро ба сохтмонгоҳ оварда (бурда) расондан 5. *что и без доп.* додан, кардан; ~ **заявление** ариза додан; ~ **жалобу** шикоят кардан, аризаи шикоят додан 6. *что и без доп.* кашидан; ~ **машину вперёд** мошинро ба пеш кашидан, мошинро каме пеш рондан; **подай назад!** ба ақиб каш!, тис кун! 7. *что и без доп. спорт.* додан, задан, фиристодан, бозӣ кардан; **игрок хорошо подал мяч** бозингар тубро нағз зад 8. *что в сочет. с сущ.* додан, овардан, расондан, кардан; ~ **весть** хабар додан (расондан); ~ **помощь** ёрӣ расондан, муовинат кардан; ~ **совет** маслиҳат додан 9. *кого-что* нишон додан, тасвир (тақлид) кардан; **автор подал своих героев правдиво и ярко** муаллиф қаҳрамонони худро воқеӣ ва возеҳ тасвир кард ◇ ~ **голос** 1) овоз баровардан, «мана ман» гуфтан 2) *за кого* овоз (раъй) додан; ~ **знак** ишора (имову ишора) кардан; ~ **мысль** ёд додан, ба ёди (ба хотири) касе расондан, омӯхтан, фаҳмондан, чора нишон додан; ~ **повод** *кому* имконият додан, роҳ додан, боис (сабаб) шудан; ~ **пример** намуна (тимсол) шудан, ибрат нишон додан; ~ **руку помощи** *кому* дасти ёрӣ (кумак) дароз кардан, ёрӣ додан, мадад расондан; ~ **в отставку** истеъфо додан, аз кор [тамоман] рафтан; **не** ~ **виду (вида)** маълум накардан, сир надодан; **рукой** ~ бисьёр наздик

податься *сов.* 1. аз ҷои худ кучидан (ҷунбидан, лағжидан), онсутар шиштан; **дверь подалась под ударами** дар аз зарби задан андаке аз ҷояш ғеҷид // ҳаракат кардан, ақиб рафтан, нишеб (яктарафа) шудан; ~ **в сторону** каме яктарафа шудан; ~ **вперёд** пеш рафтан, ба пеш дода шудан; **толпа подалась назад** издиҳом ба ақиб ҳаракат кард (дода шуд) // *перен. разг.* (*уступить*) гузашт кардан, розӣ шудан, ба гап даромадан 2. *разг.* (*уехать*) рафтан; ~ **на юг** ба ҷануб рафтан

подача *ж* 1. (*по знач. гл.* **подать**) диҳиш, додан(и); овардан(и), расондан(и); задан(и); ~ **заявления** ариза додан(и), аризадиҳӣ; ~ **состава к платформе** ба платформа овардани поезд; ~ **мяча** тубдиҳӣ; ~ **сигнала** садодиҳӣ, сигналдиҳӣ 2. *спорт.* задан(и), фиристодан(и); **низкая** ~ паст додани туб

подачка *ж разг.* 1. луқма (*ки ба ҳайвон мепартоянд*) 2. *перен.* садақа, хайр; **денежная** ~ садақаи пулӣ; **жить** ~**ми** бо садақа (хайрот) зиндагӣ кардан

подаяние *с* садақа, хайр, хайрот

подбавить *сов. что, чего* илова (зам) кардан, қатӣ кардан, андаке зиёд кардан (афзудан)

подбавиться *сов. разг.* илова (зам) шудан, қатӣ шудан, андаке зиёд шудан (афзудан)

подбавка *ж разг.* 1. (*по знач. гл.* **подбавить**) илова кардан(и), зам кардан(и) 2. чизи илова (зам) кардашуда

подбавлять *несов. см.* **подбавить**

подбавляться *несов.* 1. *см.* **подбавиться**; 2. *страд.* илова карда шудан

подбадривать *несов. см.* **подбодрить**

подбадриваться *несов.* 1. *см.* **подбодриться**; 2. *страд.* зиндадил карда шудан

подбалтывание *с* (*по знач. гл.* **подболтать**) омехтан(и), омехта (аралаш) кардан(и)

подбалтывать *несов. см.* **подболтать**

подбегать *несов. см.* **подбежать**

подбежать *сов.* 1. *к кому-чему* тохта наздик шудан, давида ба пеш омадан; давида (тохта, тозон) омадан 2. *подо что* давида ба таги чизе даромадан; ~ **под мост** давида ба таги пул даромадан

подбе́ливание *с см.* **подбе́лка** 1

подбе́ливать *несов. см.* **подбели́ть**

подбели́ть *сов. что* 1. аидаке сафед кардан, барилова ранги сафед молидан; **~ потоло́к** шифтро андаке сафед кардан 2. *разг.* қаймоқ андохтан, шир рехтан; **~ борщ смета́ной** ба карамшурбо қаймоқ андохтан

подбе́лка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подбели́ть**) андак сафед кардан(и); **~ стен** андак сафед кардани деворҳо 2. *прост. и обл.* қаймоқ, шир андохтан(и) (*ҳамчун хуриши таом*)

подберёзовик *м* подберёзовик (*як хел занбуруғ, ки дар тусзор меруяд*)

подбива́ть *несов. см.* **подби́ть**

подбива́ться *несов.* 1. *см.* **подби́ться**; 2. *страд.* зада шудан

подби́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подби́ть** 1, 2) аз таг задан(и); кафакӣ андохтан(и); астар кардан(и) 2. *прост.* кафакӣ, астар

подбира́ние *с см.* **подбо́р** 1

подбира́ть *несов. см.* **подобра́ть**

подбира́ться *несов.* 1. *см.* **подобра́ться**; 2. *страд.* чида шудан

подби́ть *сов.* 1. *что* аз таг задан, задан; **~ подко́ву** наъл задан // *сапожн.* кафакӣ андохтан; тагчарм задан; **~ ту́фли** ба туфлӣ кафакӣ андохтан; **~ каблуки́** пошнаро дуруст кардан, пошна задан 2. *что чем разг.* астар кардан; **~ пальто́ ме́хом** ба пальто аз пуст астар кардан, ба пальто астари муина кардан 3. *кого-что на что и с неопр. перен. разг.* ташвиқ (таҳрик, тарғиб) кардан; ба шур андохтан, барангехтан 4. *кого-что* задан, зада озурда кардан, зада ярадор (маҷруҳ) кардан; **~ глаз** чашмро зада маҷруҳ кардан; **~ соба́ке но́гу** пои сагро [зада] маиб кардан 5. *кого-что* зада ғалтондан; зада маҷруҳ кардан; паррондан; **~ самолёт** самолётро зада ғалтондан; **~ я́стреба** шоҳинро зада маҷруҳ кардан ◇ **~ те́сто** *прост.* хамирро [дубора] мушт кардан; хамирро сахттар гирифтан; **подби́тый ве́тром (ветерко́м)** 1) пусти акка барин [тунук]; 2) сабук, бодӣ (*оид ба касе*)

подби́||ться *сов.* 1. зада маҷруҳ шудан, зада шудан (*пои асп, саг ва ғ.*); **ло́шади ~лись от до́лгой доро́ги** пойҳои аспҳо аз гашти дуру дароз зада маҷруҳ шуданд 2. *к кому прост.* (*войти в доверие*) бовари касеро пайдо кардан, ба эътиқоди касе мушарраф шудан

подблю́дн||ый, -ая, -ое: **~ая пе́сня** *уст.* суруди фол (*суруди маросими фолбинии рузҳои иди насронӣ*)

подбодри́ть *сов. кого-что* каме ҷуръат додан, ҷасорат бахшидан, зиндадил (шердил) кардан

подбодри́ться *сов.* каме ҷуръат пайдо кардан, зиндадил шудан

подбодря́ть(ся) *несов. см.* **подба́дривать(ся)**

подбо́ечный, -ая, -ое ...и тагзанӣ; **~ материа́л** материали тагзанӣ

подбо́й *м* 1. (*по знач. гл.* **подби́ть** 1, 2, 4) аз таг задан(и); кафакӣ андохтан(и); зада маҷрӯҳ кардан(и); **~ подмё́ток** аз таг задани кафакӣ, кафакизанӣ, кафакидӯзӣ 2. *сапожн. и прост.* тагчарми пойафзол, кафакӣ 3. *портн. и обл.* астар 4. *горн.* тарқиш

подбо́йн||ый, -ая, -ое ...и азтагзанӣ, задашаванда; **~ые гво́зди** меххои аз таг задашаванда, меххои тагчарми пойафзол

подболта́ть *сов. что, чего разг.* омехтан, омехта аралаш кардан; **~ муки́ в опа́ру** ба хамиртуруш орд омехтан, ба хамиртуруш орд зада ҷулондан

подбо́р *м* 1. (*по знач. гл.* **подобра́ть**) чида гирифтан(и); ғундоштан(и), интихоб карда гирифтан(и), хоста гирифтан(и); **~ ка́дров** интихоби кадрҳо; **заня́ться ~ом книг** бо интихоби китобҳо машғул шудан, машғули ҷудо кардани китобҳо шудан 2. маҷмӯъ, даста; навъҳо, хелҳо, миқдоре; **интере́сный ~ карти́н** як миқдор суратҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, маҷмуи суратҳои қобили таваҷҷуҳ // (*состав*) таркиб, ҳайат; **хоро́ший ~ рабо́тников** ҳайати хуби кормандон // (*сочетание*) интихоб; **уда́чный ~ кра́сок** интихоби мувофиқи рангҳо, хушобурангӣ 3. *уст. сапожн.* пошнаи чармин ◇ **в ~** *полигр.* бе абзац, дар як хат; [**как**] **на ~** яккачин шудагӣ барин; як қаду бар

подбо́ристый, -ая, -ое (**подбо́рист**, -а, -о) *прост.* 1. хушандом, хушқаду қомат, сарвқад, баандом, хушпайкар 2. (*сшитый по фигуре*) мувофиқи қадду қомат; хушдӯхт

подбо́рка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подобра́ть** 3) *разг.* интихоб карда (сара карда) гирифтан(и); чида гирифтан(и); **~ материа́лов** интихоби материал 2. хабару мақолаҳои муштаракмавзӯъ

подборо́дник *м* 1. (*часть узды*) зербанди лаҷом 2. (*у скрипки, альта*) ҷонамонак (*олати махсус барои дар зери манаҳ қулайтар доштани соз*)

подборо́док *м* манаҳ, ҷона, занах, зақан

подборо́дочный, -ая, -ое ...и манах, ...и ҷона, ...и занаҳ, ҷонагӣ, зақанӣ

подбо́рочный, -ая, -ое ...и чида (хоста) гирифтан, саракунанда

подбо́ртный, -ая, -ое *портн.* ...и бари либос, ...и таги бари либос, ...и зери бари либос; **~ холст** матои таги бари либос

подбо́рщик *м* 1. саракунанда, хостагиранда, ба навъҳо ҷудокунанда; **~ мехо́в** муинадӯз, устои пашминадуз 2. (*в комбайне*) хушачиндор, хушачин, асбоби хӯшачинӣ 3. *с.-х.* мошини пағачин

подбо́рщица *женск. к* **подбо́рщик** 1

подбоче́ниваться *несов. см.* **подбоче́ниться**

подбоче́ниться *сов. разг.* даст ба камар кардан (бурдан), даст ба миён кардан (бурдан)

подбра́сывание *с* (*по знач. гл.* **подбро́сить**) ба боло ҳаво додан(и), ҳаводиҳӣ; боз андохтан(и); пинҳонӣ партофтан(и)

подбра́сывать *несов. см.* **подбро́сить**

подбрести́ *сов. к кому-чему разг.* гашта наздик шудан, баргашта омадан, оҳиста наздик омадан, оҳиста омада истодан

подбрива́ть *несов. см.* **подбри́ть**

подбрива́ться *несов.* 1. *см.* **подбри́ться**; 2. *страд.* андак тарошида шудан

подбри́ть *сов. кого-что* андак тарошидан

подбри́ться *сов. разг.* мӯи (риши, бурути) худро андак тарошидан

подбро́сить *сов.* 1. *кого-что* ба боло ҳаво додан (партофтан), ҳаво додан, ҳавола додан; **~ мяч** тубро ба боло ҳаво додан; **нас си́льно подбро́сило на уха́бе** *безл.* дар ҷойҳои ноҳамвори роҳ мо сахт такон хӯрдем 2. *чем* (*о животных*) ҷуфтак задан, лагад задан (партофтан); **ло́шадь подбро́сила за́дом** асп лагад партофт 3. *что, чего* боз андохтан, каме зиёд кардан, боз мондан, илова карда партофтан; **~ дров в пе́чку** ба печка боз ҳезум мондан // *что карт.* ҳамроҳ (қатӣ) кардан, боз додан, илова кардан; **~ туза́** қартаи такхол илова кардан 4. *кого-что, чего разг.* барилова додан; оварда расондан; **~ подкрепле́ние на фронт** ба фронт мадади ҳарбӣ оварда расондан 5. *кого-что* пинҳонӣ партофтан (гузоштан); **~ письмо́** мактубро пинҳонӣ партофтан 6. *кого-что разг.* бурда расондан, бурда мондан (савора); **~ до ста́нции** то истгоҳ бурда расондан

подбро́ска *ж* (*по знач. гл.* **подбро́сить** 4) *разг.* оварда расондан(и); **~ боеприпа́сов** оварда расондани лавозимоти ҷанг

подбрю́шник *м* (*часть упряжи*) тагкаши (зеркаши) аспи ароба

подва́л *м* 1. таҳхона, хонаи (ошьёнаи) зеризаминӣ, заминкан 2. таҳсаҳифа (*қисми поёни саҳифаи рӯзнома барои мақолаи алоҳида*; *мақолаи дар он ҷо чопшуда*)

подва́ливать *несов. см.* **подвали́ть** I, II

подва́ливаться *несов.* 1. *см.* **подвали́ться**; 2. *страд.* тӯп карда шудан

подвали́ть I *сов. разг.* 1. *что, чего* андохтан, ҷафс карда мондан; тӯп (тӯда) кардан; **~ брёвна к стене́** ғӯлачӯбҳоро ба девор ҷафс карда мондан. **~ зе́млю к дере́вьям** ба таги дарахтҳо хок туп кардан 2. *что, чего* боз андохтан, илова (зам) кардан; **~ хво́росту в костёр** ба гулхан боз шохаҳои хушк партофтан

подвали́||ть II *сов.* 1. ба соҳил (ба канор) расидан, лангар партофтан; **парохо́д ~л к при́стани** пароход ба бандар расид 2. *прост.* (*прийти*) туда (гуруҳ) шуда омадан, бисьёр шуда омадан; рехта омадан // *безл.* боз боридан, болои ҳам боридан; **сне́гу ~ло** боз барф борид, барф болои барф борид

подвали́ться *сов. прост.* такья кардан; дакка хурдан

подва́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и таҳхона, таҳхонагӣ, ...и заминкан, зеризаминӣ; **~ые о́кна** тирезаҳои таҳхона; **~ый эта́ж до́ма** қабати таҳхонагӣ, ошьёнаи зеризаминии бино // таҳхона барин, мисли заминкан (зеризамин), таҳхонамонанд; **~ый мрак** торикии таҳхо-

намонанд; торикии гӯрмонанд 2. ...и таҳсаҳифа, ба ҳаҷми як таҳсаҳифа; ~**ая статья** мақолаи таҳсаҳифа

подваривать *несов. см.* **подварить**

подвариваться *несов.* 1. *см.* **подвариться;** 2. *страд.* боз пухта шудан

подварить *сов. что, чего разг.* 1. барилова пухтан, дубора ҷушондан; ~ **варенья** мурабборо дубора ҷушондан 2. *тех.* лаҳим кардан, бо кафшер пайванд кардан

подварка *ж* (*по знач. гл.* **подварить** 2) бо кафшер пайванд кардан(и)

подвахтенный, -ая, -ое *мор.* навбатӣ, навбатдор; ~ **матрос** маллоҳи посбон (навбатдор) // *в знач. сущ.* **подвахтенный** *м* посбони навбатдор

подващивать *несов. см.* **подвощить**

подведение *с* (*по знач. гл.* **подвести** 1, 2, 4, 5) наздик овардан(и), наздик кардан(и); сохтан(и), ниҳодан(и); ҷамъбаст кардан(и); ранг кардан(и); ~ **фундамента** сохтани (рехтани) таҳкурсӣ; ~ **итогов** ҷамъбасти натиҷаҳо

подведомственность *ж* тобеият, тобеъ будан(и), зердастӣ, мутааллиқӣ, тааллуқдорӣ

подведомственн||ый, -ая, -ое (подведомствен, -на, -но) тобеъ, зердаст, мутааллиқ, тааллуқдор; оид; **учреждение,** ~**ое министерству** идораи тобеи вазорат, муассисаи тааллуқи вазорат

подвез||ти *сов.* 1. *кого-что* оварда (бурда) расондан, оварда (бурда) мондан (*савора*); ~**ти попутчика** ҳамсафарро бурда расондан 2. *кого-что, чего* барилова овардан, оварда расондан; ~**ти дров** барилова ҳезум овардан 3. *безл. кому разг.* бахт ёр шудан, толеъ тофтан, барор гирифтан, омад кардан; **ему** ~**ло** кораш барор гирифт

подвенечн||ый, -ая, -ое ...и никоҳ, ...и арусӣ, ...и заношуӣ; ~**ая фата** сарандози арусӣ

подвергать *несов. см.* **подвергнуть**

подвергаться *несов.* 1. *см.* **подвергнуться;** 2. *страд.* гирифтор карда шудан

подвергнуть *сов. кого-что чему* гирифтор (мубтало, дучор) кардан; ~ **осмотру** аз тафтиш гузарондан; ~ **наказанию** ба ҷазо гирифтор кардан; ~ **сомнению** зери шубҳа гузоштан; ~ **себя риску** худро ба хатар андохтан, худро дучори хавф кардан

подвергнуться *сов. чему* гирифтор (мубтало, дучор) шудан; ~ **критике** ба танқид дучор шудан; ~ **опасности** ба хатар дучор шудан, дар зери хатар мондан; ~ **облучению** шуоъ хурдан, гирифтори таъсири шуоъ шудан

подверженность *ж* гирифторшавандагӣ, мубталошавандагӣ; ~ **инфекции** гирифторшавандагӣ ба касалии сирояткунанда

подверженный, -ая, -ое 1. *прич.* гирифторшуда, мубталошуда, дучоршуда 2. *прил.* гирифторшаванда, мубталошаванда, дучоршаванда; ~ **болезням** гирифторшавандаи касалиҳо

подвернуть *сов. что* 1. қат кардан, гардонда мондан, барзадан; ~ **брюки** шимро барзадан; ~ **рукава пиджака** остини пиҷакро барзадан; ~ **одеяло** кӯрпачаро қат кардан 2. аз ҷо баровардан, баровардан; ~ **ногу** пойро аз ҷо баровардан 3. тофтан, тоб додан; ~ **болт** мурватро тоб додан // (*убавить огонь*) тофтан; тоб дода суст (кам) кардан; ~ **лампу** пилтаи лампаро тофтан ◇ ~ **гайку (гайки)** *кому-л. прост.* касеро ба тартиб (ба интизом) даровардан, таноби касеро кашидан

подверну||ться *сов.* 1. қат шудан, гардонда шудан; **одеяло** ~**лось** лабҳои курпа қат шуд 2. аз ҷо баромадан, лат хурдан; **нога** ~**лась** пой аз ҷояш баромад 3. тофта шудан, тоб дода шудан 4. *разг.* тасодуфан вохӯрдан, рост омадан, дучор шудан, ба даст омадан; **мне** ~**лась интересная книга** китоби шавқоваре ба дастам афтод // (*попасть подо что-л.*) дучор (мубтало) шудан, афтодан ◇ ~**ться под горячую руку кому-л.** ба ғазаби касе гирифтор шудан

подверстать *сов. что полигр.* бар илова саҳифабандӣ кардан; ~ **абзац** як абзац илова карда саҳифабандӣ кардан

подвёрстка *ж* (*по знач. гл.* **подверстать**) барилова саҳифабандӣ кардан(и)

подвёрстывание *с см.* **подвёрстка**

подвёрстывать *несов. см.* **подверстать**

подвёртка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подвернуть** 1, 3) *разг.* қат кардан(и); тофтан(и) 2. *чаще мн.* **подвёртки** *прост.* пойтоба, пайтоба 3. коғазпечи иловагӣ, лифофаи иловагӣ; ~ **карамели** коғазпечи иловагии карамель

подвёртывание *с* (*по знач. гл.* **подвернуть**) қат кардан(и); аз ҷо баровардан(и); тофтан(и)

подвёртывать *несов. см.* **подвернуть**

подвёртываться *несов.* 1. *см.* **подвернуться;** 2. *страд.* тофта шудан

подвес *м см.* **подвеска** 1, 2

подвесельный, -ая, -ое *мор., спорт.* ...и белкаш, ...и заврақрон

подвесить *сов. кого-что* овезон кардан, овехтан, шинондан; ~ **лампу к потолку** лампаро ба шифт овезон кардан ◇ **у него язык хорошо подвешен** вай ба гап усто; **у него язык плохо подвешен** ӯ аз гап камбағал

подвеситься *сов. разг.* овезон шудан

подвеска *ж* 1. (*по знач. гл.* **подвесить**) овезон кардан(и), овехтан(и), шинондан(и); ~ **проводов** овезон кардани симҳо 2. чангак 3. овеза, шилшила; **люстра с** ~**ми** қандили шилшиладор (овезадор)

подвесн||ой, -ая, -ое овеза, овезон; ~**ая лампа** лампаи овезон; ~**ая койка** кати овезон, кати равон; алвонҷи равон

подвесок *м разг. см.* **подвеска** 2, 3

подвести *сов.* 1. *кого-что* наздик овардан (бурдан), наздик кардан; ~ **ребёнка к окну** кудакро ба тиреза наздик овардан, кудакро пеши тиреза овардан; **ему подвели коня** аспро наздики у оварданд 2. *что* сохта то ҷое расондан, сохтан; кашидан; ~ **дорогу к заводу** роҳро то ба завод сохта расондан 3. *что подо что* ниҳодан, сохтан, гузоштан; ~ **фундамент под здание** таҳкурсни иморатро ниҳодан (гузоштан) 4. *что перен.* асоснок (собит) кардан, исбот кардан; далел овардан; ~ **теоретическую базу** аз ҷиҳати назария пухта (асоснок) кардан 5. *кого-что разг.* фиреб додан; хиҷолатманд кардан; дучори вазъи ногувор кардан; **он меня едва не подвёл** у кариб маро фирефта буд // *подо что* расондан, овардан; ~ **под суд** ба суд овардан, ба маҳкама бурдан, ба ҳукм оид кардан 6. *что* ҷамъбаст (ҷамъ) кардан, натиҷа (хулоса) баровардан; ~ **итоги** натиҷа баровардан, ҷамъбаст кардан 7. *что разг.* ранг кардан (молидан), сурма (усма) кашидан, сурма (усма) мондан; ~ **глаза** ба чашм сурма мондан; ~ **брови** ба абрӯ сурма кашидан, абрӯ сиёҳ кардан 8. *безл. разг.* фурӯ рафтан, коҳидан, чуқур шудан; пуч шудан; **от голода живот подвело** аз гуруснагӣ шикамаш ба пушташ часпидааст ◇ ~ **мину под кого-л.** ба касе чоҳ кандан; ~ **часы** ақрабакҳои соатро гардондан; ~ **черту** *под чем* бас (тамом) кардан; ~ **под монастырь кого-л.** *прост.* касеро ба ҳолате ногуворе андохтан

подветренн||ый, -ая, -ое шамолпанаҳ, шамолнорас; ~**ая сторона дома** тарафи шамолнораси хона

подвешивание *с см.* **подвеска** 1

подвешивать *несов. см.* **подвесить**

подвешиваться *несов.* 1. *см.* **подвеситься;** 2. *страд.* овехта шудан

подвздошн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и кавора; ~**ая область** атрофи кавора; ~**ая кость** устухони кавора

подвивание *с* (*по знач. гл.* **подвить**) андак ҷингила кардан(и), камтар фатила кардан(и)

подвивать *несов. см.* **подвить**

подвиваться *несов.* 1. *см.* **подвиться;** 2. *страд.* андак ҷингила карда шудан

подвивка *ж разг. см.* **подвивание**

подвиг *м* диловарӣ, қаҳрамонӣ корнома; **воинский** ~ корномаи харбӣ

подвигать *сов.* 1. *что* муддате ҳаракат додан, чанде ҷунбондан; ~ **маятник часов** ақрабаки соатро чанде ҷунбондан 2. *чем* андаке ҳаракат додан; ~ **пальцами** ангуштҳоро ҳаракат додан

подвигать *несов. см.* **подвинуть**

подвигаться *сов.* муддате ҳаракат кардан (ҷунбидан)

подвигаться *несов.* 1. *см.* **подвинуться;** 2. *страд.* андак тела дода шудан

подвид *м биол.* ҷинси фаръӣ, навъи фаръӣ

подвидовой, -ая, -ое *биол.* ...и ҷинси фаръӣ, ...и навъи фаръӣ

подвижка *ж* лағжиш (*каме ҷой иваз кардани ях*)

подвижник *м* 1. зоҳид, муҷоҳид, роҳиб, таркидуньёкарда; **христианские** ~**и** роҳибони насронӣ 2. *книжн.* мубориз, фидоӣ, фидокор, ҷонфишон, муҷоҳид; ~**и искусства** муҷоҳидони (мубориздони) санъат; ~**и науки** фидокорони илм

подвижница *женск. к* **подвижник**

подвижническ||ий, -ая, -ое 1. ...и зоҳид, ...и таркидуньёкарда; зоҳидона, муҷоҳидона; **~ая жизнь** зиндагии зоҳидона (муҷоҳидона) 2. *книжн.* фидокор(она), ҷонфишон(она)

подвижничество *с* 1. зуҳд, зоҳидӣ 2. *книжн.* фидокорӣ, ҷонфишонӣ

подвижн||ой, -ая, -ое (подвиж/ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* мутаҳаррик, ҳаракаткунанда, ҷунбанда, гарданда; **~ой блок** ғарғараи мутаҳаррик, каркараи ҳаракаткунанда 2. *тк. полн. ф.* равон, кӯчанда, сайёр; **~ые пески** реги равон; **~ой госпиталь** беморхонаи ҳарбии сайёр 3. серҳаракат, серҷунбуҷӯл, чусту чолок, чобук; **~ой мальчик** бачаи серҷунбуҷӯл, бачаи фаъол // *(о лице)* зуд дигаргуншаванда, зуд тағйирёбанда; **~ое лицо** чеҳраи зуд тағйирёбанда // *перен.* тез, боғайрат, чобук, фаъол; **~ой ум** зеҳни тез ◇ **~ые игры** бозиҳои серҳаракат, бозии варзиш дар ҳавои кушод; **~ой состав** *ж.-д.* ҷамъи наклиёти роҳи оҳан

подвижность *ж* 1. мутаҳаррикӣ; **~ блока** мутаҳаррикии ғарғара 2. *(лица)* дигаргуншавандагӣ, тағйирпазирӣ

подвижный, -ая, -ое *см.* **подвижной** 2, 3

подвизаться *несов. книжн.* кор (амал) кардан, фаъолият нишон додан, ҳунар нишон додан; **~ на литературном поприще** дар арсаи адабиёт фаъолият нишон додан

подвинтить *сов. что* боз каме тофтан, боз тоб додан; **~ шуруп** мехи печдорро боз каме тофтан; **~ болт** мурватро боз тоб додан

подвинуть *сов.* 1. *кого-что* тела дода наздик овардан (бурдан), андак ҷунбондан (тела додан), ба пеш ҳаракат додан; **~ стул к столу** курсиро ба миз наздик бурдан 2. *что перен.* пеш бурдан, ба марра наздик бурдан; **~ работу** корро пеш бурдан

подвину||ться *сов.* 1. наздик шудан, каме пеш рафтан, онсутар шудан (рафтан, нишастан); **~ться к столу** ба миз наздик шудан 2. *перен.* андак пеш рафтан, ба натиҷа наздик шудан; **работа ~лась** кор андак пеш рафт

подвинчивать *несов. см.* **подвинтить**

подвинчиваться *несов. страд.* боз каме тофта шудан

подвирать *несов. разг.* андак дурӯғ гуфтан, каме дурӯғбофӣ (муболиға) кардан; **~ в рассказе** дар ҳикоя андак дурӯғ ба кор бурдан

подвить *сов. что* андак ҷингила кардан, камтар фатила кардан, ҷингиланамо кардан; **~ волосы** мӯйро андак ҷингила кардан (кунондан)

подвиться *сов. разг.* мӯи худро андак ҷингила кардан

подвластность *ж* тобеият, фармонбардорӣ, зердастӣ, мутеӣ

подвластный, -ая, -ое (подвласт|ен, -на, -но) тобеъ, фармонбардор, зердаст, мутеъ; зери нигин

подвод *м* (*по знач. гл.* **подвести** 1, 2) наздикбиёрӣ, наздик овардан(и); сохта расондан(и); сохтан(и); кашидан(и); **~ канала к полям** ба саҳроҳо наздик овардани руд

подвода *ж* ароба

подводить *несов. см.* **подвести**

подводиться *несов. страд.* сохта шудан, ниҳода шудан

подводка *ж разг. см.* **подвод**

подводник *м* 1. маллоҳи киштии зериобӣ 2. ғаввос

подводн||ой, -ая, -ое гузаронанда, пайвасткунанда, васлкунанда; **~ые трубы** қубурҳои пайвасткунанда

подводн||ый I, -ая, -ое зериобӣ, таҳтиобӣ, тагиобӣ; **~ые растения** растаниҳои зериобӣ; **~ое течение** ҷараёни (маҷрои) зериобӣ; **~ая лодка** киштии зериобӣ; **~ая мина** минаи зериобӣ; **~ые работы** корҳои зериобӣ; **~ая киносъёмка** фильмкашии (фильмгирии) зериобӣ ◇ **~ые камни (камешки)** монеаи ноаён, хатари пӯшида

подводн||ый II, -ая, -ое ...и ароба ◇ **~ая повинность** *ист.* маҷбурияти таъмини ароба

подводчик *м* аробакаш

подвоз *м* (*по знач. гл.* **подвезти** 1, 2) оварда расондан(и); кашондан(и); **~ дров** кашондани ҳезум; **~ товаров в магазины** ба дуконҳо кашондани мол

подвозить *несов. см.* **подвезти** 1, 2

подвозиться *несов. страд.* кашонда шудан

подвозка *ж разг. см.* **подвоз**

подвозн||ый, -ая, -ое 1. *прост.* воридшаванда, овардашуда; **~ая мука** орди овардашуда 2. ...и кашондан(и), ...и боркашонӣ, ...и кашонда наздик овардан(и); **~ые пути** роҳҳои боркашонӣ

подвозчик *м* боркаш, боркашои, кашонанда; **~ брёвен** кашонандаи ғулачӯб, чӯбкашон

подвой *м сад.* дарахти пайвандшаванда; хасак *(ниҳоле, ки пайванд карда мешавад)*

подволакивать *несов. см.* **подволочь**

подволока *ж мор.* шифти (сақфи) киштӣ

подволочь *сов. кого-что разг.* кашон-кашон овардан (бурдан), кашола карда овардан (бурдан), кашонда овардан (бурдан), бар замин кашида овардан (бурдан)

подворачивать *несов. см.* **подворотить**

подворачиваться *несов.* 1. *см.* **подворотиться;** 2. *страд.* қат карда шудан

подворн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и ҳавлӣ, ...и сари ҳавлӣ, ...и хонаводаҳо; **~ая подать** ҳавлипулӣ, дудпулӣ; андози сари ҳавлӣ; **~ая перепись** ба рӯйхат гирифтани хонаводаҳо, маъракаи рӯйхати нуфуси ҳавлиҳо

подворотить(ся) *прост. см.* **подвернуть(ся)** 1, 2

подворотник *м* таги гиребон *(аз матои сафед)*

подворотничок *м см.* **подворотник**

подворотня *ж* 1. тарқиши зери остона // зертахтаи дарвоза 2. *разг. (проход)* гузаргоҳ, гузаргоҳи девори бино

подворье *с* 1. *уст. (постоялый двор)* корвонсаро(й); мусофирхона, манзилгоҳи мусофирон, сарой 2. *обл. (усадьба)* ҳавлӣ, работ

подвох *м разг.* ҳила, макр, найранг, фиреб, фанд; **устроить кому-л. ~** ба касе ҳила кардан, касеро фанд додан

подвощить *сов. что* андак мум молидан (задан)

подвывание *с* (*по знач. гл.* **подвывать**) ҳамроҳ шуда уллос (нула) кашидан(и); *(звуки)* уллос, нула

подвывать *несов. разг.* 1. ҳамроҳ шуда уллос (нула) кашидан 2. гоҳ-гоҳ уллос (нула) кашидан, гоҳ-гоҳ уллос задан

подвыпить *сов. чего и без доп. разг.* нушида ширакайф шудан, нушида андак маст шудан, ниммаст шудан

подвыть *сов. см.* **подвывать** 1

подвязать *сов. что* 1. бастан, аз таг бастан, баста овезон кардан; **~ колокольчик к дуге** зангулачаро зери дуғаи асп бастан; **~ больную руку** дасти дардмандро баста ба гардан овезон кардан 2. печонда бастан, печондан; **~ щёку платком** як тарафи рӯйро бо рӯймол печонда бастан // *разг.* бастан; **~ фартук** пешдоманро бастан 3. боз бофтан, дарозтар бофтан; **~ чулки** ҷуробро дарозтар бофтан

подвязаться *сов. чем* миён (камар) бастан; **~ кушаком** фута (миёнбанд) бастан

подвязка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подвязать**) аз таг бастан(и), баста овезон кардан(и) 2. банди ҷуроб

подвязной, -ая, -ое аз таг басташаванда, баста овезоншаванда; **~ колокольчик** зангулачаи баста овезоншаванда, зангулачаи овезон

подвязывать *несов. см.* **подвязать**

подвязываться *несов.* 1. *см.* **подвязаться;** 2. *страд.* печонда шудан

подвяливать *несов. см.* **подвялить**

подвяливаться *несов.* 1. *см.* **подвялиться;** 2. *страд.* андак қоқ карда шудан

подвялить *сов. что разг.* андак қоқ кардан, каме хушк кардан, андак намашро гурезондан

подвялиться *сов. разг.* андак қоқ шудан, каме хушк шудан

подгада||ть *сов. разг.* расида тавонистан, кореро дар айни вақташ иҷро кардан, дар маврид ба ҷо овардан, дар айни вақташ ба иҷро расондан; **он как раз ~л к обеду** вай дар айни хӯроки пешин расида омад

подгадить *сов. кому-чему и без доп. прост.* корро расво (вайрон) кардан; бадӣ (палидӣ) кардан; зиён (зарар) расондан

подгадывать *несов. см.* **подгадать**

подгаживать *несов. см.* **подгадить**

подгибать *несов. см.* **подогнуть**

подгибаться *несов.* 1. *см.* **подогнуться;** 2. *страд.* қат карда шудан

подгладить *сов. что разг.* андак уттӣ кардан, боз дарзмол кардан

подглаживать *несов. см.* **подгладить**

подглаживаться *несов. страд.* андак уттӣ карда шудан

подглазни́чный, -ая, -ое *см.* подгла́зный

подгла́зный, -ая, -ое зеричашмӣ, дар зери чашм буда, ...и зери чашм, ...и поини чашм, ...и таги чашм

подгла́зье *с* чуқурчаи зери чашм

подгляде́ть *сов. кого-что и за кем--чем* тасодуфан (ногаҳон) дидан, пинҳонӣ нигоҳ кардан, дуздида нигоҳ кардан, аз зери чашм нигоҳ кардан

подгля́дывание *с* (*по знач. гл.* **подгляде́ть**) пинҳонӣ нигоҳ кардан(и), аз зери чашм нигоҳ кардан(и)

подгля́дывать *несов. см.* **подгляде́ть**

подгнива́ть *несов. см.* **подгни́ть**

подгни́||ть *сов.* 1. аз таг (аз бех) пусидан; **де́рево** ~**ло** дарахт аз бехаш пусидааст 2. андак пусидан; **я́годы** ~**ли** мева андак пусид

подгнои́ть *сов. что разг.* андак пусондан, қисман пусондан

подгова́ривание *с* (*по знач. гл.* **подговори́ть**) иғво кардан(и), таҳрик кардан(и), барангехтан(и)

подгова́ривать *несов. см.* **подговори́ть**

подгова́риваться *несов. страд.* иғво карда шудан

подговори́ть *сов. кого на что или с неопр.* ташвиқ (таҳрик) кардан, иғво андохтан, барангехтан

подгово́рщик *м прост.* иғвогар, таҳриккунанда

подгово́рщица *женск. к* **подгово́рщик**

подголо́вник *м* такья, тагсарӣ, лула, сармонак

подголо́сок *м* 1. овози ҷуршаванда, ҳамовозшаванда // ёрдамчии сарнақшхон 2. *перен. презр.* балегуй, баракаллогуй

подго́н *м* 1. (*по знач. гл.* **подогна́ть** 1, 2, 4) ҳай карда овардан(и); ҷо ба ҷо кардан(и), мувофиқ кардан(и); ~ **скота́ к водопо́ю** ба обхура ҳай карда овардани чорво; ~ **парке́та** ҷо ба ҷо чиндани тахтачаҳои фарш (паркет) 2. *лес.* ҷинси зудраси дарахт, ниҳоли зудруй 3. *с.-х.* майсаи ғаллаи дер сабзида

подго́нка *ж* (*по знач. гл.* **подогнать** 4) ҷо ба ҷо кардан(и), мувофик овардан(и); ~ **око́нных рам** соз кардани чорчубаҳои тиреза

подго́ночн||ый, -ая, -ое *лес.* зудрас, зудрӯй; ~**ые поро́ды** навъҳои зудруй

подго́нщик *м* 1. ҳай карда оваранда, ҳайкунанда; ~ **плото́в** амадрон, салчӣ 2. *охот.* ҳайкунандаи сайд, сайдрон

подгоня́ть *несов. см.* **подогна́ть**

подгоня́ться *несов. страд.* мувофиқ карда шудан

подгора́ть *несов. см.* **подгоре́ть**

подгоре́лый, -ая, -ое сухта, сухтагӣ

подгоре́ть *сов.* аз таг сухтан, сухтан

подго́рный, -ая, -ое ...и зери кух, ...и доманаи кух

подгоро́дный, -ая, -ое ...и музофоти шаҳр, ...и атрофи шаҳр

подго́рье *с* доманаи кух, доманаи куҳсор, кутал; адир

подгота́вливание *с см.* **подгото́вка**

подгота́вливать *несов. см.* **подгото́вить**

подгота́вливаться *несов.* 1. *см.* подгото́виться; 2. *страд.* тайёр карда шудан

подготови́тельн||ый, -ая, -ое тайёрӣ; ибтидоӣ; ~**ые рабо́ты** корҳои тайёрӣ; ~**ая гру́ппа** гурӯҳи тайёрӣ

подгото́вить *сов.* 1. *что* тайёр (омода, ҳозир) кардан, муҳайё сохтан, таҳия кардан; ~ **докла́д** маърӯза тайёр кардан 2. *кого-что* тайёр кардан; ~ **учени́ков к экза́мену** талабагонро ба имтиҳон тайёр кардан 3. *кого-что* тайёр кардан; ~ **к печа́льному изве́стию кого́-л.** касеро ба шунидани хабари нохуш ҳозир кардан

подгото́виться *сов. к чему* тайёр (омода, ҳозир) шудан, худро тайёр кардан; ~ **к перее́зду** ба кӯчида рафтан тайёр шудан; ~ **к неприя́тному изве́стию** ба шунидани хабари нохуш омода шудан

подгото́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подгото́вить**) тайёр (омода, ҳозир) кардан(и); (*по знач. гл.* **подгото́виться**) тайёрӣ, тайёр (омода, ҳозир) шудан(и); ~ **ка́дров** тайёр кардани кадрҳо; ~ **к экза́менам** тайёрӣ ба имтиҳонот 2. тайёрӣ; **у него́ хоро́шая** ~ вай тайёрии хубе дорад; **боева́я** ~ тайёрии ҳарбӣ ◇ **артиллери́йская** ~ туппаронии пеш аз ҳуҷум

подгото́вленност||ь *ж* тайёрӣ, омодагӣ; тайёр (омода, ҳозир) будан(и); **всё зави́сит от сте́пени** ~**и** ҳама ба дараҷаи тайёрӣ вобаста аст

подготовля́ть(ся) *см.* **подгота́вливать(ся)**

подгреба́ние *с* (*по знач. гл.* **подгрести́**) туда (туп) кардан(и), ғун кардан(и)

подгреба́ть *несов. см.* **подгрести́**

подгрёбки *тк. мн. обл.* боқимондаҳо; ~ **се́на** боқимондаҳои хасбеда

подгрести́ *сов.* 1. *что* туда (туп) кардан, ғун кардан, ғундоштан; ~ **се́но к сара́ю** хасбедаро ба назди молхона туп кардан // *под кого-что* ба таг туп кардан; ~ **под себя́ соло́му** пахолро ба таги худ кашидан 2. бел зада заврақ наздик овардан; ~ **к при́стани** бел зада завракро ба бандар овардан

подгримирова́ть *сов. кого-что* андак грим кардан, руйро каме рангу равған кардан

подгримирова́ться *сов.* худро андак грим кардан, руи худро каме рангу равған молидан

подгримиро́вывать *несов. см.* **подгримирова́ть**

подгримиро́вываться *несов.* 1. *см.* **подгримирова́ться**; 2. *страд.* андак грим карда шудан

подгри́фок *м муз.* торгир

подгру́док *м* 1. ғабғаб(а) (*пӯсти овезони зери гардани баъзе ҳайвонҳо, мас. барзагов*) 2. (*у птиц*) парҳои сари сина, парҳои таги гардан, парҳои болои тӯш

подгружа́ть *несов. см.* **подгрузи́ть**

подгружа́ться *несов. страд.* боз бор карда шудан

подгрузи́ть *сов. что, чего разг.* барилова бор кардан, боз бор кардан; зам кардан

подгру́зка *ж* (*по знач. гл.* **подгрузи́ть**) барилова бор кардан(и); зам кардан(и)

подгру́ппа *ж* қисми (ҷузъи) гурӯҳ, гурӯҳча

подгрыза́ть *несов. см.* **подгры́зть**

подгры́зть *сов. что* аз таг хоидан

подгу́зник *м* уребчаи суринпечонии кудак

подгуля́||ть *сов.* 1. *разг.* нушида андак маст шудан, ширакайф шудан, сархуш (сармаст) шудан 2. *прост.* соз набаромадан, созвор нашудан; **обе́д немно́го** ~**л** обу намаки хурок созвор нашудааст

поддава́ла *м, ж прост.* каси қасдан бойдиҳанда

поддава́ть *несов. см.* **подда́ть**

поддава́ться *несов.* 1. *см.* **подда́ться**; 2. *чему* (*чаще с отриц.*) тан додан, сар нафуровардан; **не** ~ **отча́янию** маъюс (ноумед) нашудан ◇ **не поддаётся описа́нию** тасвирнашавандааст; қалам аз тасвираш оҷиз аст; **не поддаётся никако́му сравне́нию** ҳеҷ кобили қиёс нест

поддавки́ *тк. мн. разг.*: **игра́ть в** ~ бойдиҳакбозӣ (*тарзи дамкабозие, ки ҳар кас зудтар ба ҳарифаш донаҳояшро дода тамом кунад, бозиро мебарад*)

подда́кивание *с* (*по знач. гл.* **подда́кивать**) балегуӣ

подда́кивать *несов. разг.* бале-бале гуфтан, балегуӣ кардан

подда́кнуть *сов. однокр. к* **подда́кивать**

по́дданная *женск. к* **по́дданный**

по́дданный *м* 1. табаа, раият, фуқаро 2. *уст.* банда, мутеъ, фармонбардор, зердаст, хизматгор

по́дданство *с* табаагӣ, тобеият, раиятӣ, фуқарой

подда́ть *сов.* 1. *что* зада ҳаво додан, боло партофтан; ~ **мяч руко́й** тубро бо даст зада ҳаво додан 2. *кому, чем прост.* задан, лат кардан, фуровардан 3. *чего разг.* тез кардан, шитобондан, босуръат кардан; ~ **хо́ду** гаштро тез кардан, суръатро тезондан, тезтар гаштан 4. *что разг.* (*в игре*) қасдан бой додан, қасдан додан ◇ ~ **пару (жа́ру)** *кому прост.* ангезондан, рӯҳбаланд кардан, илҳом бахшидан

подда́ться *сов.* 1. *кому-чему и без доп.* тоб наовардан; **дверь с трудо́м подда́лась** дар ба зур кушода шуд // *на что* розӣ шудан, қабул кардан, қоил шудан, дода шудан, тан додан; ~ **на лесть** ба хушомад фирефта шудан; ~ **на уго́воры** ба гап даромадан 2. *чему* тобеъ шудан, ба таъсир афтидан (мондан), тан додан, гирифтор (таслим) шудан; ~ **чьему́-л. влия́нию** ба таъсири касе мондан; ~ **уны́нию** ба зиқӣ тобеъ шудан 3. (*дать поймать себя*) худро қасдан гирондан, қасдан таслим шудан // *разг.* (*в игре*) қасдан бой додан

подда́ча *ж* (*по знач. гл.* **подда́ть** 1, 3, 4) *разг.* зада ҳаво додан(и);

шиддатнок кардан(и); (*по знач. гл.* **податься** 3) касдан бой додан(и)

поддева́ние I *с* (*по знач. гл.* **поддéть** I 1, 2) андармон кардан(и); бо гап неш задан(и)

поддева́ние II *с* (*по знач. гл.* **поддéть** II) аз таг пушидан(и)

поддева́ть I, II *несов. см.* **поддéть** I, II

поддева́ться I *несов. страд.* андармон карда шудан

поддева́ться II *несов. страд.* аз таг пушида шудан

поддёвка *ж* камзули мардонаи миёнаш чин-чин

поддёвочный, -ая, -ое ...и камзули миёнаш чин-чин

поддéлать *сов. что* сохтакорӣ кардан, қалбакӣ кардан, талбис кардан; ~ **пóдпись** имзои қалбакӣ кардан, имзои сохта гузоштан, имзоро сохтан

поддéлаться *сов.* 1. *под кого, подо что* таклид кардан, таклид карда сохтан, тақлидан сохтан; ~ **под дéтскую речь** ба забони кудакон таклид кардан, таклиди гапзании кудакро кардан 2. *к кому разг.* (*снискать расположение*) бо хушомад дили касеро ёфтан

поддéлка *ж* 1. (*по знач. гл.* **поддéлать**) сохтакорӣ, қалбакикорӣ, талбис кардан(и) 2. чизи сохта (қалбакӣ), талбис

поддéлывание *с см.* **поддéлка** 1

поддéлыватель *м* сохтакор, қаллоб, талбискунанда

поддéлывать *несов. см.* **поддéлать**

поддéлываться *несов.* 1. *см.* **поддéлаться**; 2. *страд.* сохтакорӣ карда шудан

поддéльность *ж* сохтагӣ, қалбакӣ будан(и), талбисӣ; ~ **докумéнтов докáзана** қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳо исбот шуд

поддéльный, -ая, -ое сохта, қалбакӣ; ~ **бриллиáнт** брильянти қалбакӣ (сунъӣ)

поддёргивать *несов. см.* **поддёрнуть**

поддержáние *с* (*по знач. гл.* **поддержáть** 2—4) ёрӣ додан(и); тарафдорӣ кардан(и); нигоҳ доштан(и); ~ **необходи́мой температýры** нигоҳ доштани ҳарорати лозима; ~ **взаимоотношéний** дастгирӣ кардани муносибатҳо; ~ **и укреплéние всеóбщего ми́ра** пуштибонӣ ва мустаҳкам кардани сулҳи умумиҷаҳонӣ

поддержáть *сов.* 1. *кого-что* доштан, нигоҳ доштан, мадад кардан; ~ **больнóго пóд руку** аз бағали касал [гирифта] доштан 2. *кого-что* ёрӣ додан, мадад расондан, дастгирӣ кардан; ~ **дрýга в бедé** дустро дар афтодаҳолӣ дастгирӣ кардан // қувват (таквият) додан; ~ **наступлéние артиллери́йским огнём** ҳуҷумро бо туппаронӣ қувват додан // (*ободрить*) руҳбаланд кардан, руҳ бахшидан 3. *кого-что* тарафдорӣ (ҳимоя) кардан; ~ **чью-л. кандидатýру** ба номзадии касе тарафдор будан, номзадии касеро тарафдорӣ кардан 4. *что* нигоҳ доштан, давом додан; ~ **огóнь в пéчке** алави печкаро нигоҳ доштан; ~ **разговóр** суҳбатро давом додан, суҳбатро гарм кардан; ~ **своё здорóвье** саломатии худро нигоҳ доштан

поддéрживание *с* (*по знач. гл.* **поддержáть**) нигоҳ доштан(и); ёрӣ додан(и); тарафдорӣ кардан(и); давом додан(и)

поддéржива||ть *несов.* 1. *см.* **поддержáть**; 2. *что* нигоҳ доштан, дошта истодан; **столбы́** ~**ют кры́шу** сутунҳо бомро дошта истодаанд

поддéрживаться *несов. страд.* нигоҳ дошта шудан

поддéржк||а *с* 1. (*по знач. гл.* **поддержáть** 1—3) нигоҳ доштан(и); ёрӣ додан(и); тарафдорӣ кардан(и); ~**а инициати́вы рабóчих** дастгири кардани ташаббуси коргарон // (*содействие*) ёрӣ, мадад, ёрмандӣ, имдод; тарафдорӣ, таквият; **найти́** ~**у у когó-л.** аз касе мадад гирифтан; **оказáть комý-л.** ~**у** ба касе ёрӣ додан; касеро тарафдорӣ кардан 2. (*опора*) такья, муттако, такьягоҳ // *перен. разг.* ҳомӣ 3. *разг.* (*подкрепление*) гуруҳи ёридиҳанда

поддёрнуть *сов. что разг.* каме боло кардан, кашида болотар бардоштан, ба боло кашидан; ~ **я́корь** лангарро каме бардоштан; ~ **штаны́** эзорро боло кардан

поддé||ть I *сов.* 1. *кого-что* ба боло гирифтан, доштан, бардоштан, андармон кардан; ~**ть крюкóм** бо чангак доштан 2. *кого и без доп. перен. разг.* бо гап неш задан, пичинг (гап) паррондан, гапи нешдор задан, гап хурондан; **лóвко я егó** ~**л** ман соз карда ба вай гап хурондам 3. *кого-что перен. прост.* (*раздобыть*) ёфтан, пайдо (дарьёфт) кардан, ба даст овардан

поддéть II *сов. что разг.* аз таг пушидан; ~ **фуфáйку под пальтó** аз таги пальто нимтана пӯшидан

поддóн *м разг.* 1. зарфмонак, зери зарф, табақчаи зери *чизе*; **цветóчный** ~ табақчаи зери тубаки гул 2. қабати дуюми таги *чизе*; **корзи́на с** ~**ом** сабати тагаш дукабата

поддрáзнивание *с* (*по знач. гл.* **поддразни́ть**) масхара (тамасхур) кардан(и), киш-киш додан(и), оташин кардан(и), барангехтан(и)

поддрáзнивать *несов. см.* **поддразни́ть**

поддразни́ть *сов. кого-что разг.* масхара (тамасхур) кардан, бо киноя барангехтан, киш-киш додан, оташин кардан

поддувáло *с* бодкаш, боддаро, шамолдаро

поддувáльный, -ая, -ое ...и бодкаш, ...и шамолдаро

поддувá||ть *несов.* 1. *см.* **поддýть**; 2. *безл.* андак вазидан, аз таг вазидан; **из окнá** ~**ет** аз таркишҳои тиреза андак шамол медарояд

поддýжный, -ая, -ое 1. дар зери дуғаи асп буда (басташуда); ~ **колокóльчик** зангулачаи зери дуғаи асп басташуда 2. (*о лошади*) пловагӣ, ёридиҳанда // *в знач. сущ.* **поддýжный** *м* нозири пойга (*аспсаворе, ки дар пойгаи аспҳои даванд аз ақибашон барои назорат метозад*)

поддý||ть *сов. разг.* пуф кардан; ~**й, а то пéчка погаснет** пуф кун, набошад олави печка мемурад

подевá||ть *сов. что разг.* кардан, мондан, гузоштан, ягон ҷо мондан; **кудá ты** ~**л карандáш?** кариндошро куҷо кардӣ?

подежýрить *сов.* муддате навбатдорӣ кардан, каме поида истодан, каме хабардорӣ кардан; ~ **у постéли больнóго** каме дар пеши бемор навбатдорӣ кардан

подéйствова||ть *сов.* 1. *на кого-что* таъсир (асар) кардан, амал (кор) кардан; **лекáрство на негó не** ~**ло** дору ба вай амал накард; **мои́ словá на негó не** ~**ли** суханони ман ба вай таъсир накард 2. муддате кор (амал) кардан, каме ҳаракат кардан

подекáдн||ый, -ая, -ое даҳрӯза, даҳагӣ; ~**ые совещáния** маҷлисҳои машваратии даҳруза (даҳагӣ); ~**ая свóдка** ахбороти даҳруза, ҷамъбасти даҳагӣ

подéла||ть *сов. что разг.* 1. муддате коре (амале) кардан; **чтó бы нам сейчáс** ~**ть?** ҳоло чӣ кор бояд кунем? 2. (*устроить*) сохтан, тайёр кардан ◇ **что [же]** ~**ть** (~**ешь**) чӣ илоҷ: чора нест; **ничегó не** ~**ть** (**не** ~**ешь**) 1) *с кем-чем* чора (илоҷ) нест 2) хох-нохох

подели́||ть *сов. кого-что* 1. тақсим (ҳисса) кардан, қисм (булак) кардан; ~**ть наслéдство** тарака кардан 2. *с кем* ба ҳам дидан, шарик шудан; ~**ть послéднее с дрýгом** буду шуди худро бо дуст ба ҳам дидан ◇ **они́ чегó-то не** ~**ли** гапашон гурехтагӣ барин

подели́ться *сов. чем с кем* 1. дар байни худ тақсим кардан 2. ба ҳам дидан; ~ **табакóм** тамокуро ба ҳам дидан 3. *перен.* гуфтан, баён (изҳор) кардан, арзи дил кардан, дил холӣ кардан; ~ **свои́ми мы́слями** фикрҳои худро баён кардан

подéлк||а *ж* 1. (*изготовление*) сохтан(и), тайёр (хозир, омода) кардан(и) // *чаще мн.* **подéлки** (*мелкая работа*) корҳои майда-чуйда 2. *чаще мн.* **подéлки** маснуоти майда, чизҳои майда-чуйда; ~**и из дéрева** чизҳои майда-чуйдаи чубин

поделóм *нареч. разг.* аз руи адолат, сазоворона // *в знач. сказ. безл.* *кому* мувофиқи гуноҳ ҷазо, соз шуд, боб шуд; ~ **емý** ҳаққаш ҳамин, сазояш ҳамин, ҷазояшро ёфт

подéлочн||ый, -ая, -ое ...и маснуоти майда, ...и сохтани чизҳои майда-чуйда; ~**ые рабóты** истеҳсоли маснуоти майда

подéлыва||ть *несов. уст. разг.* машғули коре будан; кор карда гаштан, бо коре руз гузарондан, бо коре машғул будан; **что ты тепéрь** ~**ешь?** чӣ кор карда гаштаӣ?, машғули чӣ корӣ?

подёнка I *ж зоол.* шапалаки (парвонаи) якрузаумр

подёнка II *ж прост. см.* **подёнщина**
подённо *нареч.* рӯзбайъ; **работать ~** рӯзбайъ кор кардан
подённ||ый, -ая, -ое рузбайъ; **~ая плата** музди рузбайъ; **~ая работа** кори рузбайъ, мардикорӣ; **~ый рабочий** мардикор, коргари рӯзбайъ // *в знач. сущ.* **подённая** *ж разг.* кори рузбайъ, мардикорӣ // *в знач. сущ.* **подённый** *м* мардикор, коргари рӯзбайъ
подёнщик *м* мардикор, коргари рӯзбайъ, рӯзбайъ коркунанда
подёнщина *ж* кори (хизмати) рӯзбайъ, мардикорӣ
подёнщица *женск. к* **подёнщик**
подёргать *сов.* 1. *кого-что* чанд бор кашидан, чанде силтав додан (кардан); **~ кого-л. за рукав** остини касеро якчанд бор кашидан 2. *чем* чанде ҳаракат додан, каме ҷунбондан 3. *что (всё, многое)* аз як сар кашидан (кандан)
подёргаться *сов.* чанде тапидан, каме ларзидан, тапар-тапар (питир-питир) кардан, қад-қад паридан
подёргивание *с* (*по знач. гл.* **подёргивать** I *и* **подёргиваться** 1) тапар-тапар, питир-питир, ҳаракат ва ларзиши беихтиёр
подёргива||ть I *несов.* 1. *чем* гоҳ-гоҳ кашидан, андак силтав кардан; **~ть вожжами** лаҷоми дарозро андак силтав кардан 2. *чем* гоҳ-гоҳ ҳаракат додан (ҷунбондан, афшондан); **~ть головой** сар ҷунбондан; **~ть плечом** китф афшондан // *кого-что безл.* қад-қад паридан, дам ба дам беихтиёр ларзидан; **его всего ~ло** тамоми аъзои баданаш дам ба дам меларзид
подёргивать II *несов. см.* **подёрнуть** II
подёргива||ться I *несов.* гоҳ-гоҳ паридан, қад-қад паридан, гоҳ-гоҳ тапар-тапар (питир-питир) кардан, гоҳ-гоҳ ларзидан; **он весь ~лся** вай қад-қад мепарид
подёргиваться II *несов.* 1. *см.* **подёрнуться**; 2. *страд.* хира карда шудан
подержание *с:* **взять на ~** амонат (муваққатӣ) гирифтан, ба орият гирифтан
подержанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* нигоҳ дошташуда 2. *прил.* нимдошт, обшуста, пушидашуда; **продажа ~ых вещей** фурухтани чизҳои нимдошт
подержать *сов. кого-что* муддате нигоҳ доштан (бардоштан), муддате доштан; муддате дошта истодан; **~ ребёнка на руках** кӯдакро муддате дар даст доштан; **~ дверь открытой** дарро муддате кушода мондан
подержаться *сов.* 1. *за что и без доп.* муддате даст гирифта истодан, муддате дошта истодан, каме даст зада шудан; **~ за перила** панҷараи зинапояро муддате дошта истодан 2. муддате истодан, якчанд вакт поидан (пойдор будан); **этот дом ещё подержится** ин хона ҳануз мепояд (боз меистад)
подёрнуть I *сов. что и без доп. прост.* андак кашидан, як кадар кашидан
подёрну||ть II *сов. что чем* рӯпуш (мастур) кардан; **пруд ~ло льдом** *безл.* хавз андак ях баст // (*туманом и т. п.*) фаро гирифтан, хира (тира) кардан
подёрну||ться *сов. чем* рӯпуш шудан, мастур шудан; **река ~лась льдом** дарьё андак ях бастааст // (*туманом и т. п.*) фаро гирифта шудан, хира (тира) шудан; **глаза его ~лись слезой** ашк дар чашмонаш ҳалка зад
подешеветь *сов.* арзон(тар) шудан, камқадр (камқимат) шудан
поджаривание *с* (*по знач. гл.* **поджарить**) бирьён кардан(и), сурх кардан(и), зирбондан(и)
поджаривать *несов. см.* **поджарить**
поджариваться *несов.* 1. *см.* **поджариться**; 2. *страд.* бирьён карда шудан
поджарист||ый, -ая, -ое (поджарист, -а, -о) *разг.* хуб бирьёншуда, хуб сурхкарда, хуб зирбондашуда, синга; **~ая лепёшка** нони пушту пешаш суп-сурх, нони синга
поджарить *сов. что, чего* бирьён кардан, сурх кардан, зирбондан, синга кардан; **~ картошку** картошкаро бирьён кардан
поджариться *сов.* бирьён шудан, сурх шудан, зирбидан, синга шудан
поджарка *ж* кабоб, гӯштбирьён
поджарый, -ая, -ое лоғар, хароб, қокина, шикамкашида
поджать *сов. что* даркашидан, дарҳам кашидан, хам (кат) кардан; **~ под себя ноги** пойҳоро ба зер ғундошта нишастан; **~ губы** лаб фуру бастан ◇ **~ хвост** *прост.* хомӯш (сокит) шудан, нафас ях шудан
поджаться *сов.* 1. (*о ногах, коленях и т. п.*) шикам даркашидан; пой даркашидан // (*о губах*) баста шудан 2. *разг.* (*съёжиться*) худро ғун (ҷамъ) кардан, лунда шудан
поджелудочн||ый, -ая, -ое: **~ая железа** ғадуди зеримеъда
поджечь *сов. что* 1. даргирондан, оташ задан (додан), сӯзондан, олав сар додан (афрӯхтан); **~ дрова** хезумро даргирондан 2. оташ задан, олав сар додан; **~ дом** хонаро оташ задан, ба хона олав сар додан 3. *прост.* бирьён карда гузарондан, пухта гузарондан, сузондан, бирьён карда сӯзондан; **~ пирог** таги пирогро андак сӯзондан
подживать *несов. см.* **поджить**
поджигание *с* (*по знач. гл.* **поджечь**) даргирондан(и), оташ задан(и)
поджигател||ь *м* оташафрӯз, оташзананда, олавмон, сузонанда // *перен.* оташдиҳанда, барангезанда, иғводиҳанда, тахрикдех, шӯрангез; **~и войны** оташдиҳандагони ҷанг, ҷангҷӯён
поджигательница *женск. к* **поджигатель**
поджигательск||ий, -ая, -ое ...и оташдиҳанда, ...и барангезанда, ...и иғводиҳанда, ...и шӯрангез; **~ие действия** иғвогарӣ, фитнагарӣ
поджигать *несов. см.* **поджечь**
поджигаться *несов. страд.* даргиронда шудан
поджидать *несов. кого-чего или с придат. доп.* интизорӣ кашидан, мунтазир шудан, нигарон шуда (нигоҳ карда) истодан, чашм дар роҳ будан; **~ гостей** мунтазири меҳмонон шудан
поджилки *тк. мн. разг.* рагу пайҳои таги зону ◇ **у него ~ трясутся** ӯ аз тарс диррас меларзад
поджимать *несов. см.* **поджать**
поджиматься *несов.* 1. *см.* **поджаться**; 2. *страд.* хам карда шудан
поджи||ть *сов.* андак сиҳат шудан, нимсиҳат шудан, нимкора сиҳат шудан, каме шифо ёфтан; **рана ~ла** ҷароҳат андак шифо ёфт, яра каме сиҳат шуд
поджог *м* оташ задан(и); **совершить ~** оташ задан (додан), оташ (олав) сар додан
подзаборник *м уст.* 1. (*подкидыш*) бачаи партав, бачаи сари роҳӣ 2. *прост.* (*бродяга*) оворагард, бехонумон, кучагард
подзаборн||ый, -ая, -ое 1. ...и таги девор, зеридеворӣ 2. *прост.* овора, бехонумон, кӯчагард; **~ое житьё** оворагардӣ, бехонумонӣ
подзабывать *несов. см.* **подзабыть**
подзабыть *сов. кого-что разг.* каме аз ёд (аз хотир) баровардан, андак фаромӯш кардан
подзавить *сов. что разг.* андак ҷингила кардан, камтар фатила кардан
подзаголовок *м* сарлавҳаи фаръӣ, сарлавҳаи зер (дуюм), унвони изофӣ
подзаголовочный, -ая, -ое ...и сарлавҳаи фаръӣ, ...и сарлавҳаи дуюм, ...и унвони изофӣ
подзадоривать *несов. см.* **подзадорить**
подзадориваться *несов. страд.* барангехта шудан
подзадорить *сов. кого-что разг.* барангехтан, таҳрик кардан, васваса кардан
подзакусить *сов. разг.* андак хӯрок хурдан, нимкора тахтул кардан, каме хӯрдан, нимкора (андак) ношто кардан
подзанять *сов. что, чего прост.* андаке қарз гирифтан
подзаняться *сов. чем прост.* андак ба коре машғул шудан, каме машғул шудан
подзаправиться *сов. прост.* 1. андаке бензин андохтан 2. *перен.* андак хӯрок хӯрдан; кадре нафсро ором додан
подзаработать *сов. что, чего и без доп. разг.* бозьёфт (даромад) кардан; барилова бозьёфт кардан, андак пул кор кардан
подзатыльник *м разг.:* **надавать ~ов** бунигарданӣ задан; **дать ~** ба паси сар фуровардан
подзащитная *женск. к* **подзащитный**
подзащитный *м* ҳимояшаванда, дифоъшаванда
подземелье *с* таҳхона, хонаи зеризаминӣ, тӯла, заминкан, мағора
подземельн||ый, -ая, -ое 1. ...и таҳхона, ...и хонаи зеризаминӣ, ...и

заминкан, ...и мағора 2. *уст. см.* **подзе́мный**

подзе́мка *ж разг.* роҳи оҳани зеризаминӣ

подзе́ми||ый, -ая, -ое зеризаминӣ, тахтуларзӣ; **~ый ход** роҳи зеризаминӣ; роҳи махфӣ; **~ые рабо́ты** корҳои зеризаминӣ

подзерка́льник *м* мизи зери оина, пештахтаи оинаи қаднамо

подзерка́льный, -ая, -ое зериоина(гӣ), наздиоина(гӣ)

подзо́л *м* гили хокистарӣ, хоки хокистарӣ, замини хокистарранг

подзо́листость *ж* хокистаррангӣ *(оид ба хок)*; **~ по́чвы** камнамакии хок, хокистаррангии хок

подзо́лист||ый, -ая, -ое (подзолист, -а, -о) хокистарӣ, хокистарранг, хокистарнок; **~ая по́чва** хоки хокистарӣ, замини хокистарнок

подзолообразова́ние *с* пайдоиши гили хокистарӣ

подзо́р *м* 1. канораи турӣ, ҳошияи тӯрӣ, турҳошия, турлаблула; **покрыва́ло с ~ом** ҷойпуши турдор, ҷойпуши лаблулааш тӯрӣ 2. *архит.* кунгураи (канораи) чӯбини кандакорӣ; **о́кна с ~ами** тирезаҳои кунгурадор 3. *мор.* қисми барҷастаи дунболаи киштӣ

подзорн||ый, -ая, -ое ...и дидбонӣ, ...и мушоҳида; **~ая труба́** дурбин

подзу́бривать *несов. см.* **подзубри́ть**

подзубри́ть *сов. что разг.* боз (андак) такрор карда гирифтан; **~ табли́цу умноже́ния** ҷадвали зарбро боз такрор кардан

подзуди́ть *сов. кого прост.* таҳрик кардан, барангехтан, киш-киш додан, иғво кардан

подзу́живать *несов. см.* **подзуди́ть**

подзыва́ть *несов. см.* **подозва́ть**

поди́ *прост.* 1. *(пойди)* бирав, рав; биё, ой; **~ ко мне** пеши ман биё, наздам ой, биё ба наздам 2. *(попробуй)* рафта бин, карда бин, озмой; **~ поспо́рь с ним** бо вай баҳс кунеду қанд хуред; бо вай баҳс карда бинед канӣ 3. *в знач. вводн. сл. (пожалуй)* эҳтимол, яқинан, балки, шояд, аҷаб не; **ты, ~, всё уже́ написа́л** яқин, ки ту ҳамаро навишта шудӣ; ту эҳтимол (шояд) ҳамаро навишта шуда бошӣ 4. *в знач. частицы* ҳо, равед-э, монед-э, наход; **~ ты, не мо́жет э́того быть** мон-э, ин хел шуданаш мумкин нест 5. *в знач. межд. уст. (посторонись)* пушт!, бо хабар бош! ◇ **на́-поди** ҳеҷ илоҷаш нест; ана раведу гиред; чӣ мегуед, ки...

подиви́ть *сов. кого-что разг.* ҳайрон кардан, ба тааҷҷуб андохтан, мот (мо-ту мабҳут) кардан, дар ҳайрат андохтан (монондан)

подиви́ться *сов. разг.* ҳайрон шудан, тааҷҷуб кардан, мот (моту мабҳут) шудан, дар ҳайрат афтодан (мондан)

подира́||ть *несов.*: **моро́з по ко́же (по спине́) ~ет** *разг.* бадани (пушти) кас аз хунукӣ ваҷаррос мезанад

подка́лывать *несов. см.* **подколо́ть** I, II

подка́лываться *несов. страд.* бо сарсузан часпонда шудан

подка́пливать *несов. см.* **подкопи́ть**

подка́пывать *несов. см.* **подкопа́ть**

подка́пываться *несов.* 1. *см.* **подкопа́ться**; 2. *страд.* аз зер кофта шудан

подкарау́ливание *с (по знач. гл.* **подкарау́лить**) поида дастгир кардан(и)

подкарау́ливать *несов. см.* **подкарау́лить**

подкарау́ливаться *несов. страд.* поида дастгир карда шудан

подкарау́лить *сов. кого-что* поида ба даст афтондан, поида дастгир кардан, камин гирифта доштан

подка́рмливание *с (по знач. гл.* **подкорми́ть**) барилова хурок додан(и); охурӣ кардан(и)

подка́рмливать *несов. см.* **подкорми́ть**

подка́рмливаться *несов.* 1. *см.* **подкорми́ться**; 2. *страд.* барилова хурок дода шудан

подка́т *м (по знач. гл.* **подкати́ть** 1) ғелонда (тела дода) овардан(и), ғелонда бурдан(и)

подкати́||ть *сов.* 1. *что* ғелонда (тела дода) овардан, ғелонда бурдан, ғелонда наздик кардан; **~ть бревно́ под наве́с** ғӯлачубро ба таги айвон ғелонда овардан // *кого-что (подвезти)* пеш бурдан, овардан, кашондан; **~ть коля́ску** аробачаро пеш бурдан 2. *разг.* бо шитоб омада якбора истодан, дартоз расида омадан, давон (тозон) омадан; **к до́му ~ла маши́на** ба пеши хона мошине бо шитоб омада истод 3. *разг.* пахш кардан, [фаро] гирифтан; **к се́рдцу ~ло** *безл.* дил танг шуд, дил аз хонааш баромад; **у него́ к го́рлу ~л ком** гулуяш гирифт, у гулӯгир шуд

подкати́ться *сов.* 1. ғелида (ғелон) омадан, ғелида наздик шудан, ғелида даромадан (рафтан) 2. *прост. (быстро подойти, подбежать)* шитобон (тозон) омадан, шитобон расидан, шитобон (зуд) наздик шудан 3. *к кому перен.* чоплусӣ карда муроҷиат намудан, бо тамаллуқ муроҷиат кардан; чоплусӣ (тамаллуқкорӣ) кардан 4. *см.* **подкати́ть** 3

подка́тка *ж см.* **подка́т**

подка́тчик *м* ғелонда оваранда, ғелонанда, коргари (ҳаммоли) борғелон

подка́тывать *несов. см.* **подкати́ть**

подка́тываться *несов.* 1. *см.* **подкати́ться**; 2. *страд.* ғелонда оварда шудан

подкача́||ть *сов.* 1. *что, чего* барилова кашидан, бо насос кашида илова кардан, бо насос кашидан 2. *разг.* фиреб-тан, аз уҳда набаромадан, ваъдахилофӣ кардан; **смотри́, не ~й** бохабар бош, фиреб надеҳ

подка́чивание *с (по знач. гл.* **подкача́ть** 1) бо насос кашида илова кардан(и), бо насос кашидан(и); **~ во́здуха** бо насос кашидани ҳаво

подка́чивать *несов. см.* **подкача́ть**

подка́шивать *несов. см.* **подкоси́ть**

подка́шива||ться *несов. страд.* дарав карда шудан ◇ **у неё но́ги ~ются [от уста́лости]** мадори пойҳояш хушк шудааст

подка́шливать *несов. разг.* маънидорона сулфа кардан

подка́шлянуть *сов. однокр. к* **подка́шливать**

подкидн||о́й, -а́я, -о́е 1. болопарто, ба боло ҳаводиҳанда, хеззанонанда, ...и ҷаҳиш; **~а́я доска́** тахтаи хеззанонанда 2. *уст. (подкинутый тайком)* пинҳонӣ (махфӣ) партофташуда, махфӣ ◇ **игра́ть в ~о́го дурака́** картабозӣ кардан

подки́дывание *с (по знач. гл.* **подки́нуть**) ҳаво додан(и), боло партофтан(и); барилова андохтан(и)

подки́дывать *несов. см.* **подки́нуть**

подки́дыш *м* бачаи партов (сари роҳӣ)

подки́нуть *сов.* 1. *кого-что* ба боло ҳаво додан, ҳаво додан, боло партофтан 2. *чем разг. (о животных)* ҷуфтак задан, лагад задан (партофтан) 3. *что, чего* барилова (боз) андохтан, боз мондан, илова (изофа) кардан; **~ дров в пе́чку** ба печка боз ҳезум мондан // *что карт.* барилова партофтан; **~ деся́тку пик** барилова қартаи даҳ-холи қарамашшоқ партофтан 4. *кого-что* пинҳонӣ (махфӣ) партофтан; **~ запи́ску** пинҳонӣ хатча партофтан 5. *кого-что прост. (подвезти)* бурда расондан, расонда мондан *(савора)*

подкисли́ть *сов. что* андак туршӣ андохтан, туршӣ омехтан, барилова туршӣ андохтан; туршгар кардан, бештар турш кардан

подкисля́ть *несов. см.* **подкисли́ть**

подкла́дка *ж* 1. астар, остар; **шёлковая ~** астари абрешимин 2. *перен.* маънии ботинӣ, моҳияти пушида; сирри ниҳонӣ 3. *тех.* такья, тагмонак, зермонак; **ре́льсовая ~** таҳчубҳои (зерчӯбҳои) рельс

подкладн||о́й, -ая, -ое ба зери чизе гузошташаванда; **~о́й брус** зерчуб; ғулаи (чуби) ба зери *чизе* ғузошташаванда; **~о́е су́дно** тубаки қазои ҳоҷат

подкла́дочный, -ая, -ое ...и астар, ...и остар, астарӣ, остарбоб; **~ материа́л** матои астарӣ, астарворӣ

подкла́дывание *с (по знач. гл.* **подложи́ть**) ба таги чизе гузоштан(и); боз андохтан(и)

подкла́дывать *несов. см.* **подложи́ть**

подкла́дываться *несов. страд.* ба таги чизе гузошта шудан

подкла́сс *м биол.* гуруҳча, қисмча, шуъбача; шуъбаи ягон гуруҳ, як қисми гуруҳ *(дар тақсимоти хелҳои ҳайвонот ва наботот)*

подклева́||ть *сов. что разг.* чида (нӯл зада) хурдан, нул задан; **ку́ры ~ли про́со** мурғҳо арзанро чида хурдан;

подклёвывать *несов. см.* **подклева́ть**

подкле́ивание *с (по знач. гл.* **подкле́ить**) аз таг бо ширеш часпондан(и); бо ширеш дуруст кардан(и)

подкле́ивать *несов. см.* **подкле́ить**

подкле́иваться *несов. страд.* [бо ширеш] часпонда шудан

подкле́ить *сов.* 1. *что* аз таг бо ширеш часпондан, ба таг ширеш кардан; ~ **на́дпись под карти́ной** хати зери расмро часпондан 2. *что* бо ширеш дуруст кардан, бо ширеш пайванд кардан, бо ширеш часпондан; ~ **оторванную страни́цу** саҳифаи кандашударо ширеш кардан, саҳифаи канда афтидаро часпонда дуруст кардан 3. *что, чего* боз часпондан; боз ширешкорӣ кардан, боз бо ширеш часпонда сохтан; ~ **коро́бочек** ширешкорӣ карда боз якчанд қуттича сохтан; ~ **не́сколько ма́рок** боз якчанд марка часпондан

подкле́йка *ж* 1. *см.* **подкле́ивание;** 2. *разг.* чизе, ки аз таг (ба таг) ширеш карда шудааст

подклепа́ть *сов.* 1. *что* аз таг (ба таг) бо парчин маҳкам кардан, аз таг (ба таг) парчин кардан, аз таг (ба таг) парчин карда часпондан 2. *что, чего* боз парчин карда часпондан

подклёпка *ж* (*по знач. гл.* **подклепа́ть**) аз таг (ба таг) бо парчин маҳкам кардан(и), аз таг (ба таг) парчин карда часпондан(и)

подклёпывать *несов. см.* **подклепа́ть**

подклёт *м см.* **подклёть**

подклёть *ж* таҳхона

подключа́ть *несов. см.* **подключи́ть**

подключа́ться *несов.* 1. *см.* **подключи́ться;** 2. *страд.* васл карда шудан

подключе́ние *с* (*по знач. гл.* **подключи́ть**) васл (пайванд) кардан(и), пайвастан(и)

подключи́ть *сов.* 1. *что* васл (пайванд) кардан, пайвастан; ~ **газ** газро пайванд кардан, газ додан; ~ **свет** сими чароғро пайванд кардан 2. *кого-что* қатӣ (ҳамроҳ) кардан

подключи́ться *сов.* 1. васл (пайваст) шудан 2. *разг.* як (қатӣ) шудан, ҳамроҳ (шарик) шудан; ~ **к рабо́те** ба коре шарик шудан

подключи́чный, -ая, -ое *анат.* дар таги чанбараки гардан буда, ...и чанбараки гардан

подко́ва *ж* наъл

подкова́ть *сов.* 1. *кого-что* наъл задан, наъл кардан, наъл кунондан; ~ **ло́шадь** аспро наъл кардан; ~ **пере́дние копы́та** пои пеши аспро наъл задан 2. *кого-что перен. разг.* тайёр кардан, корозмуд кардан, маълумотнок кардан, обутоб додан 3. *кого перен. прост.* фиреб додан, фанд кардан, фиребтан

подкова́ться *сов. прост.* тайёр шудан, озмуда шудан, соҳиби маълумот шудан, маълумотнок шудан, обутоб ёфтан

подко́вка I *ж* (*по знач. гл.* **подкова́ть** 1, 2) наъл задан(и), наъл (наълбандӣ) кардан(и); тайёр кардан(и), обутоб додан(и)

подко́вка II *ж* 1. *уменьш. к* **подко́ва;** 2. наъли кафш

подко́вный, -ая, -ое ...и наъл; ~ **гвоздь** мехи наъл

подковообра́зный, -ая, -ое (подковообра|зен, -зна, -зно) наълшакл, наълмонанд

подко́вывать *несов. см.* **подкова́ть**

подко́вываться *несов.* 1. *см.* **подкова́ться;** 2. *страд.* наъл зада шудан

подковы́ривание *с* (*по знач. гл.* **подковырну́ть**) аз таг кофта бардоштан(и); неш задан(и)

подковы́ривать *несов. см.* **подковырну́ть**

подковы́рк||а *ж разг.* 1. (*по знач. гл.* **подковырну́ть** 1) аз таг кофта бардоштан(и), кофта баровардан(и) 2. *перен.* гапи заҳрнок, пичинг, пичингу билинг; рамз, кинoя; **он сло́ва не ска́жет без ~и** вай бе пичинг гап намезанад

подковырну́ть *сов. разг.* 1. *что* аз таг кофта бардоштан, кофта баровардан 2. *кого-что перен.* неш задан, пичинг задан, гап паррондан

подко́жн||ый, -ая, -ое 1. зерипӯстӣ, ...и зери пуст, ...и таги пӯст; **~ый жирово́й слой** қабати равғани зери пуст 2. ба таги пуст гузарондашаванда (даровардашаванда), ба таги пуст фиристонидашаванда; **~ое впры́скивание** ба таги пӯст фиристодани дору, тазриқи зери пуст

подкола́чивать *несов. см.* **подколоти́ть**

подкола́чиваться *несов. страд.* аз таг бо мех часпонда шудан

подколе́нки *тк. мн. разг.* таги (зери, пушти) зону

подколе́нн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и таги зону, ...и пушти зону, дар таги (пушти) зону буда; **~ые мы́шцы** мушакҳои зери зону

подколо́дн||ый, -ая, -ое: змея́ ~ая *фольк. и бран.* каждуми таги бӯрьё

подколоти́ть *сов. что разг.* аз таг бо мех часпондан, аз таг бо мех маҳкам кардан, аз таг мех задан, аз поин мехкуб кардан

подколо́ть I *сов.* 1. *что* бо сарсузан часпондан (банд кардан); бар зада сарсузан халондан; ~ **була́вками подо́л** доманро қат карда сарсӯзанхо халондан 2. *что* замима (илҳоқ) кардан, часпондан; ~ **докуме́нт к де́лу** ҳуҷҷатро ба дела илҳоқ кардан 3. *кого-что перен. разг.* неш задан, пичинг (гап) паррондан, гап хурондан

подколо́ть II *сов. что, чего разг.* боз майда кардан, боз кафондан, боз шикастан; ~ **дров** боз ҳезум кафондан

подколупну́ть *сов. прост. см.* **подковырну́ть** 1

подколу́пывать *несов. см.* **подколупну́ть**

подкоми́ссия *ж* комиссияи фаръӣ

подкомите́т *м* комитети фаръӣ

подконво́йная *женск. к* **подконво́йный**

подконво́йный *м* [каси] таҳти назорати каровулон буда

подконтро́льн||ый, -ая, -ое ...и таҳти назорат, таҳти назоратбуда, дар зери назорат гирифташуда; **~ая организа́ция** ташкилоти таҳти назорат

подко́п *м* 1. (*по знач. гл.* **подкопа́ть**) аз зер кофтан(и), аз зер [кофта] ковок кардан(и); нақб кандан(и) 2. (*подземный ход*) нақб 3. *перен. разг.* дасиса, фитна, ҳила, макр

подкопа́ть *сов. что* аз зер кофтан (кандан), аз зер [кофта] ковок кардан; ~ **де́рево** бехи дарахтро кофтан // (*подвести подземный ход*) нақб кандан; ~ **укрепле́ния проти́вника** ба истеҳкомоти душман нақб кандан

подкопа́ться *сов.* 1. *подо что* кофта даромадан, аз таги *чизе* кофта даромадан (дохил шудан) // (*подвести подземный ход*) нақб кандан 2. *под кого-что перен. разг.* ба таги пои *касе* чоҳ кандан

подкопи́ть *сов. что, чего* андак пасандоз кардан, андак ҷамъ (ғун) кардан, андак захира (посира) кардан

подко́пка *ж см.* **подко́п** 1

подко́пный, -ая, -ое ...и аз зер кофтан(и); ...и нақбканӣ

подкопти́ть *сов. что* андак дуд додан (кардан), бо дуд андак сиёҳ кардан

подкора́чивать *несов. см.* **подкороти́ть**

подкора́чиваться *несов. страд.* кутоҳтар карда шудан

подкоренн||о́й, -а́я, -о́е 1. дар таги решаҳо буда, тагирешагӣ; буньёдӣ, аслӣ 2. *мат.* дар таҳти реша буда, таҳтирешагӣ; **~о́е число́** адади таҳтирешагӣ

подко́рка *ж анат.* зери қишри мағзи сар

подко́рков||ый, -ая, -ое 1. зери қишрӣ, ...и зери қишр; **~ый слой древеси́ны** қабати зери қишри дарахт (чӯб) 2. *анат.* ...и зери қишри мағзи сар; **~ые це́нтры** марказҳои зери қишри мағзи сар

подко́рм *м с.-х.* 1. (*по знач. гл.* **подкорми́ть**) охурӣ кардан(и); пору (нурӣ) андохтан(и) 2. хӯроки иловагӣ (изофӣ)

подкорми́ть *сов.* 1. *кого-что* нағз (хуб) хурок додан, барилова хурок додан // *с.-х.* поидан, охурӣ кардан, парво кардан; ~ **кур к о́сени** мурғҳоро то тирамоҳ поида фарбеҳ кардан 2. *что с.-х.* пору (нурӣ) андохтан, барилова пору (нурӣ) додан; ~ **капу́сту** ба карам поруи иловагӣ андохтан

подкорми́ться *сов. разг.* хуб таом (хӯрок) хурдан, серӣ хӯрок хӯрдан, шикам сер кардан

подко́рмка *ж см.* **подкорм** 1

подко́рмочн||ый, -ая, -ое *с.-х.* 1. ...и охурӣ кардан(и), ...и парво кардан(и); **~ая зелёная ма́сса** еми алафии охурӣ 2. ...и андохтани нурии иловагӣ; **~ый аппара́т** дастгоҳи нуриандоз

подкороти́ть *сов. что прост.* кӯтоҳтар (калтатар) кардан, андак кутоҳ (калта) кардан

подко́с *м* 1. (*по знач. гл.* **подкоси́ть** 1) *разг.* дарав кардан(и), даравидан(и) 2. *тех.* тир, қалама, сутун, сутунгуша

подкоси́||ть *сов.* 1. *что* дарав кардан, даравидан, бо дос аз таг буридан 2. *кого-что* аз по монондан (афтондан), ғалтондан, зада афтондан; **пу́ля ~ла его́** тир уро ғалтонд // *перен.* беҳол

(бемадор, адо) кардан, кувватро рабудан, мадорро хушк кардан; **его ~ла болезнь** касалӣ мадорашро хушк кард, касалӣ кори уро кард 3. *что, чего* барилова даравидан, боз даравидан

подкоси||ться *сов.*: **у неё ноги ~лись** мадори пойҳояш хушк шуд, пойҳояш бемадор шуданд

подкостный, -ая, -ое *анат.* зериустухонӣ

подкрадываться *несов. см.* **подкрасться**

подкраивать *несов. см.* **подкроить**

подкрасить *сов. что* 1. андак ранг молидан, каме ранг кардан; **~ губы** лабро андак сурх кардан // рангин кардан, ранг задан; **~ вишнёвым соком газированную воду** оби газнокро бо шарбати олуболу нимсурх кардан // *перен. разг.* (*приукрасить*) андак рангу равған додан 2. ранги нав молидан, аз нав ранг кардан; **~ оконные рамы** чорчубаҳои тирезаро боз ранг кардан

подкраситься *сов. разг.* орову торо кардан; сурхию сафедӣ молидан, андак ранг кардан

подкраска *ж* 1. *см.* **подкрашивание**; 2. ранг, равған

подкра||сться *сов.* 1. пинҳонӣ (махфӣ) наздик шудан, поида-поида наздик шудан, номаълум наздик шудан 2. *перен.* нохост пайдо шудан, номаълум (якбора) расидан, ногаҳонӣ руй додан; **~лись холода** ҳаво якбора хунук шуд

подкрахмаливание *с* (*по знач. гл.* **подкрахмалить**) андак охор додан(и)

подкрахмаливать *несов. см.* **подкрахмалить**

подкрахмаливаться *несов.* 1. *см.* **подкрахмалиться**; 2. *страд.* андак охор дода шудан

подкрахмалить *сов. что* андак оҳор додан

подкрахмалиться *сов.* андак оҳори шудан, андак оҳор дода шудан

подкрашивание *с* (*по знач. гл.* **подкрасить**) андак ранг молидан(и); рангин кардан(и); аз нав ранг кардан(и)

подкрашивать *несов. см.* **подкрасить**

подкрашиваться *несов.* 1. *см.* **подкраситься**; 2. *страд.* каме рангин карда шудан

подкрепить *сов.* 1. *что* мустаҳкам кардан, маҳкам (сахт) кардан; **~ стену подпоркой** деворро бо такья маҳкам кардан 2. *кого-что* ёрӣ додан, мадад расондан, бақувват кардан, қувват додан, қавӣ кардан; **~ больного бульоном** касалро оби шўрбо хўронда ба қувват оварондан 3. *что* тақвият додан (кардан), қувват додан; **~ факты цифрами** санадҳоро бо рақамҳо тақвият додан

подкрепиться *сов. разг.* чизеро хўрда (нўшида) қувват гирифтан (пайдо кардан)

подкреплени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **подкрепить**) мустаҳкам кардан(и), сахт кардан(и); бақувват кардан(и), қувват додан(и); (*по знач. гл.* **подкрепиться**) *чизе* хўрда (нўшида) қувват гирифтан(и) 2. *воен.* қисми ҳарбӣ, аскари (қувваи) ёрирасон; мадади ҳарбӣ; **послать ~я на фронт** ба фронт қувваи ёрирасон фиристодан; ба ҷабҳаи ҷанг мадади ҳарбӣ роҳӣ кардан

подкреплять *несов. см.* **подкрепить**

подкрепляться *несов.* 1. *см.* **подкрепиться**; 2. *страд.* бақувват карда шудан

подкроить *сов. что* буриши либосро ислоҳ кардан, либосвориро ислоҳ карда буридан

подкрутить *сов. что* тоб дода зич (сахт) кардан, тофта таранг (маҳкам) кардан; **~ винт** мурватро тоб дода сахт кардан ◇ **~ гайку (гайки) кому-л.** *прост.* касеро ба тартиб (ба интизом) даровардан, таноби касеро кашидан

подкрутиться *сов.* тоб хўрда зич шудан, тофта таранг шудан, тоб хўрдан

подкручивание *с* (*по знач. гл.* **подкрутить**) тоб дода зич кардан(и), тофта маҳкам кардан(и)

подкручивать *несов. см.* **подкрутить**

подкручиваться *несов.* 1. *см.* **подкрутиться**; 2. *страд.* тофта таранг карда шудан

подкрылье *с* таги (зери) қанот

подкузьмить *сов. кого-что прост.* кори касеро чатоқ кардан, ба аҳволи сахт андохтан, ба вазъияти ногувор монондан

подкулачник *м* тарафдори (шарики) муштзўрхо, балегуи муштзўрҳо

подкуп *м* (*по знач. гл.* **подкупить** 1) бо пора ба худ тобеъ кардан(и), харида гирифтан(и), ришва додан(и); **пойти на ~** ба роҳи порадиҳӣ даромадан, роҳи ришваро гирифтан

подкупать *несов. см.* **подкупить**

подкупаться *несов. страд.* бо пора харида шудан

подкупающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* бо пора ба худ тобеъкунанда, ришвадиҳанда 2. *прил.* форам, дилкаш, дилнишин, ҷалбкунанда, ҷозиб; **~ая искренность** самимияти дилнишин

подкупить *сов.* 1. *кого-что* бо пора (бо ришва) харидан, бо пора (бо ришва) тарафдор кардан, бо пора (бо ришва) ба худ тобеъ кардан, харида гирифтан, ришва додан 2. *перен.* тарафдори худ кардан, дили касеро ёфтан; **~ своей добротой** бо меҳрубонии худ ҷалб кардан 3. *что, чего* боз харидан, барилова харидан; **~ чаю** боз чой харидан

подлавливать *несов. см.* **подловить**

подладить *сов. что* 1. *разг.* ҷўр (соз) кардан, ҳамоҳанг кардан; **~ скрипку под рояль** скрипкаро бо рояль ҷўр кардан 2. *разг.* мувофиқ (мутобиқ) кунондан, татбиқ (муносиб) кардан; **~ свой шаг к строю** қадами худро ба қадамзании саф мувофиқ кардан; бо саф баробар қадам задан (партофтан) 3. *прост.* шинондан, соз (боб) кардан, соз карда шинондан, дуруст кардан. **~ колесо** чархро соз карда шинондан

подладиться *сов. к кому-чему разг.* 1. (*в пении, игре*) ҷўр (соз) шудан, ҳамоҳанг шудан 2. (*приноровиться*) мувофиқ (мутобиқ) шудан, татбиқ (муносиб) шудан

подлаживание *с* (*по знач. гл.* **подладить**) мувофиқ (мутобиқ) кунондан(и), татбиқ кардан(и); (*по знач. гл.* **подладиться**) мувофиқ шудан(и)

подлаживать *несов. см.* **подладить**

подлаживаться *несов.* 1. *см.* **подладиться**; 2. *страд.* соз карда шудан

подлакировать *сов. что* 1. лок задан (додан), лок дода ялаккосӣ кардан; **~ шкаф** ҷевонро лок задан 2. *перен. разг.* (*приукрасить*) рангу равған задан, пардоз кардан, обуранг додан

подлакировывать *несов. см.* **подлакировать**

подламывать *несов. см.* **подломать** *и* **подломить**

подламываться *несов.* 1. *см.* **подломиться**; 2. *страд.* аз таг нимшикан карда шудан

подластиться *сов. к кому-чему уст. разг.* бо ширинсуханӣ касеро ба худ ҷазб кардан, бо чоплусӣ дили касеро ба даст даровардан; ба мағзи пусти касе даромадан

подлатать *сов. что прост.* нимкора дарбеҳ (ямоқ) кардан, саросемавор поргӣ андохтан

подлатывать *несов. см.* **подлатать**

подлащиваться *несов. см.* **подластиться**

подле 1. *нареч.* наздик, хеле наздик 2. *предлог с род.* дар назди..., дар пеши..., дар паҳлуи..., наздики..., қариби...

подледене||ть *сов. разг.* андак (тунук) ях бастан, аз руй ях бастан, руякӣ ях кардан; **дорога ~ла** ру-руи роҳ ях бастааст

подлёдник *м рыб.* олати моҳигирӣ (*аз таги ях*)

подлёдн||ый, -ая, -ое тагияхӣ, таги (зери) ях буда, ...и таги ях; **~ая вода** оби таги ях; **~ый лов рыбы** аз таги ях доштани (шикор кардани) моҳӣ

подлеж||ать *несов. чему* боистан, даркор (воҷиб) будан; **не ~ит оглашению** махфист ◇ **не ~ит сомнению** ҷои шубҳа нест

подлежащее *с грам.* мубтадо, фоил

подлезать *несов. см.* **подлезть**

подлезть *сов. подо что* хазида (гавак кашида) ба таги *чизе* даромадан

подлекарь *м уст.* ёрдамчии табиб (ҳаким), шогирди табиб (ҳаким), ёрдамчии духтур, фельдшер

подлесок *м* буттазори беша; буттаҳои (ниҳолҳои) таги ҷангал

подлесье *с см.* **подлесок**

подлёт *м* 1. (*по знач. гл.* **подлететь**) парида омадан(и), парвоз карда наздик омадан(и) 2. *ав.* парвози пасти кутоҳмуддат

подлетать *несов. см.* **подлететь**

подлете||ть *сов.* 1. парида омадан, парвоз карда наздик омадан; **голубь**

~л к окнý кабӯтар парида ба назди тиреза омад 2. *перен. разг.* омадан, дартоз (шитобон) омадан, давида омадан 3. ба таги *чизе* паридан; то таги *чизе* паридан; парида наздик шудан; **чáйка ~ла под мост** моҳихӯрак парида ба таги пул даромад; **мяч ~л к потолкý** туб то сақф парид

подлéц *м бран.* разил, лаин, номард, нобакор, бадҷинс

подлéчивать *несов. см.* **подлечить**

подлéчиваться *несов.* 1. *см.* **подлечи́ться;** 2. *страд.* андак муолиҷа карда шудан

подлечи́ть *сов. кого-что* андак (каму беш) муолиҷа кардан, андак сиҳат кардан, каме табобат кардан

подлечи́ться *сов. разг.* худро андак (каму беш) муолиҷа кунондан, худро каме табобат кунондан, худро муолиҷа кунонда қадре сиҳат шудан

подли́ва *ж см.* **подли́вка** 2

подливáние *с* (*по знач. гл.* **подли́ть**) барилова рехтан(и), боз рехтан(и), андохтан(и)

подливáть *несов. см.* **подли́ть**

подливáться *несов.* 1. *см.* **подли́ться;** 2. *страд.* барилова рехта шудан

подли́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подли́ть**) барилова рехтан(и), боз рехтан(и), андохтан(и); (*по знач. гл.* **подли́ться**) ба таги (зери) *чизе* рехтан(и) 2. *кул.* хӯриши обакии таом 3. (*раствор извести*) хамираи оҳак

подли́за *м, ж разг.* чоплус, тамаллуқкор, хушомадгӯй, лаганбардор, косалес

подлизáть *сов. что* лесидан, лес-лес кардан, лесида хурдан, лесида тамом (тоза) кардан

подлизáться *сов. к кому разг.* чоплусӣ (хушомадгӯӣ) кардан, тамаллуқкорӣ (косалесӣ) кардан

подли́зывать *несов. см.* **подлизáть**

подли́зываться *несов.* 1. *см.* **подлизáться;** 2. *страд.* лесида шудан

пóдлинник *м* 1. нусхаи аслӣ (ҳақиқӣ), нусхаи асосӣ, асл, дастнавис; **приня́ть поддéлку за ~** чизи қалбро асл гуфта қабул кардан 2. асари асл, матни (нусхаи) асл; асл; **читáть Мáркса в ~е** асли матни асарҳои Марксро хондан, осори Марксро аз аслаш хондан

пóдлинно 1. *нареч.* ҳақиқатан, дар ҳақиқат; **он ~ нарóдный поэ́т** вай ҳақиқатан шоири халқ аст 2. *в знач. вводн. сл. уст.* (*в самом деле*) ҳақиқатан, воқеан, ба ростӣ; ҳаққо ки...

пóдлинность *ж* 1. асл будан(и); **~ карти́ны** асл будани сурат 2. ҳақиқӣ будан(и), ғайрисунъӣ (ғайрисохта) будан(и); **~ докумéнта** ҳақиқӣ будани ҳуҷҷат

пóдлинн||ый, -ая, -ое (пóдлин|ен, -на, -но) 1. асл, аслӣ, асил; **~ые пи́сьма** мактубҳои аслӣ 2. ҳақиқӣ, асил, ғайрисунъӣ, ғайрисохта; **~ый жéмчуг** марвориди асил 3. *тк. полн. ф.* ҳақиқӣ, воқеӣ; **~ый герои́зм** қаҳрамонии ҳақиқӣ; **~ая демокрáтия** демократияи ҳақиқӣ ✧ **с ~ым вéрно** *офиц.* ба аслаш мутобиқ (баробар) аст

пóдлинь *м охот.* мурғи тулак, мурғи тулаккарда, мурғи паррехта

подлипáла *м, ж прост.* одами шилкини ғаразнок (ғаразкор)

подлипáть *несов.* 1. *см.* **подли́пнуть;** 2. *перен. прост.* шилкинӣ карда гирдогирди *касе* гаштан, аз рӯи ғараз шилкинӣ кардан

подли́пнуть *сов. разг.* аз таг часпидан

подли́ть *сов. что, чего* барилова рехтан, боз рехтан, андохтан; **~ молокá в кóфе** ба қаҳва боз шир андохтан ✧ **~ мáсла в огóнь** ба оташ равған рехтан

подли́ться *сов.* ба таги (ба зери) *чизе* рехтан, ба таги (ба зери) *чизе* шоридан

пóдличанье *с* (*по знач. гл.* **пóдличать**) разилӣ (номардӣ) кардан(и)

пóдличать *несов. разг.* разилӣ (пастӣ, разолат, пастфитратӣ) кардан, номардӣ (беномусӣ) кардан

пóдло *нареч.* разилона, сафилона, палидвор; **~ поступáть** палидвор рафтор кардан

подлови́ть *сов. разг.* 1. *кого-что* доштан, дастгир кардан, даст гирифтан // *перен.* пай бурдан; фаҳмидан, дарьёфтан, дарк кардан; **~ недружелю́бный взгляд** назари душманонаро пай бурдан; **~ когó-л. на лжи** дурӯғи касеро пай бурдан 2. *что перен.* истифода бурдан; **~ слýчай (момéнт)** аз фурсат истифода бурдан

подлóг *м* сохтакорӣ, қаллобӣ, фиреб, фанд; **соверши́ть ~** қаллобӣ кардан

подлóдка *ж разг.* киштии зериобӣ

подложи́ть *сов.* 1. *что* ба таги *чизе* гузоштан (мондан), ба зери *чизе* ниҳодан; **~ под гóлову подýшку** ба таги сар болишт ниҳодан 2. *что разг.* (*подшить подкладку*) астар кардан, астар дӯхтан, астар мондан 3. *что, чего* боз андохтан (гузоштан), илова кардан, боз мондан; **~ дров в пéчку** ба печка боз ҳезум мондан 4. *кого-что* (*положить тайно*) пинҳонӣ (махфӣ) гузоштан ✧ **~ ми́ну под когó-л.** ба касе чоҳ кандан; **~ свинью́ комý-л.** дар ҳаққи касе бадӣ кардан

подлóжность *ж* сохта будан(и), қалбакӣ будан(и); **~ докумéнта** сохта будани ҳуҷҷат

подлóжн||ый, -ая, -ое (подлóж|ен, -на, -но) сохта, қалбакӣ; **~ая пóдпись** имзои қалбакӣ

подлокóтник *м* оринҷмонаки курсӣ, дастмонаки (дастаи) курсӣ

подломáть *сов. разг. см.* **подломи́ть**

подломи́ть *сов. что* аз таг нимшикан кардан, нимкора шикастан; **~ сук** шохи дарахтро нимшикан кардан, шохчаро нимкора шикастан

подломи́||ться *сов.* аз зер шикастан; **лёд ~лся под ним** зери пои ӯ ях шикаст ✧ **у меня нóги ~лись** мадори пойҳоям хушк шуд

подлопáточн||ый, -ая, -ое ...и зери шона; **~ая мы́шца** мушаки зери шона

пóдлость *ж* 1. разолат, сафилӣ, фурумоягӣ, лаинӣ; **~ постýпка** пастии рафтор 2. фурумоягӣ, кори разил; **сдéлать ~** фурӯмоягӣ кардан

подлýнн||ый, -ая, -ое *уст.* 1. *поэт.* заминӣ, ...и рӯи замин, ...и дунъё 2. *в знач. сущ.* **подлýнная** *ж* дуньёи равшан, руи замин

пóдл||ый, -ая, -ое (подл, -á, -о) разил(она), сафил, паст, лаин, номард, беномус, фурӯмоя

подлю́га *м, ж прост.* нокас, палид

подмáзать *сов.* 1. *что* андаке равған молидан, каме молидан; **~ сковорóдку** тобачаро андак равған молидан // (*подправить*) андова кардан, лой молидан, ловида дуруст кардан; **~ пéчку** печкаро андова кардан, андоваи печкаро ислоҳ кардан // (*произвести смазку*) равған кардан (молидан); **~ колёса телéги** чархҳои аробаро равған кардан // *разг.* (*подкрасить*) ранг молидан, упо молидан; **~ гýбы** ба лаб сурхӣ молидан 2. *кого-что перен. прост.* гулӯи касеро равған кардан, пора (ришва) додан

подмáзаться *сов. разг.* 1. сурхию сафедӣ молидан, лабу рухсораи худро ранг кардан, худро орову торо додан 2. *к кому-чему перен.* чоплусӣ (хушомадгӯӣ) кардан

подмáзка *ж* (*по знач. гл.* **подмáзать**) андова кардан(и), лой молидан(и); равған кардан(и), равған молидан(и)

подмáзывание *с* (*по знач. гл.* **подмáзать**) андак молидан(и); андова кардан(и), лой молидан(и); (*по знач. гл.* **подмáзаться**) худро орову торо додан(и)

подмáзывать *несов. см.* **подмáзать**

подмáзываться *несов.* 1. *см.* **подмáзаться;** 2. *страд.* лой молида шудан

подмалевáть *сов. что разг.* андак ранг молидан, каме ранг додан

подмалёвывать *несов. см.* **подмалевáть**

подмандáтн||ый, -ая, -ое зеримандатӣ (*бо ваколати ташкилоти байналхалқӣ аз тарафи давлати империалистӣ идорашаванда*); **~ая территóрия** сарзамини зеримандатӣ

подмáнивать *несов. см.* **подмани́ть**

подмáниваться *несов. страд.* фирефта чеғ зада шудан

подмани́ть *сов. кого-что разг.* чеғ задан

подмáргивать *несов. см.* **подморгнýть**

подмáсливать *несов. см.* **подмáслить**

подмáсливаться *несов. страд.* равған молида шудан

подмáслить *сов.* 1. *что* равған молидан, равған кардан, равған додан, равған андохтан; **~ кáшу** ба шавла равған андохтан 2. *кого-что перен. разг.* гулӯи касеро равған кардан, пора (ришва) додан

подмастéрье *с* халифа; шогирди усто

подмáтывать *несов. см.* **подмотáть**

подмáхивать *несов. см.* **подмахнýть**

подмахнýть *сов.* 1. *что разг.* бо шитоб (саросемавор) имзо кардан, шарт-шурт имзо кардан; чалмақ карда имзо мондан; **~ прикáз** фармонро бо шитоб имзо кардан 2. *что и без доп. прост.*

(*наскоро подмести*) саросемавор руфтан, саросемавор ҷоруб кардан (задан)

подма́чивать *несов. см.* **подмочи́ть**

подма́чиваться *несов.* 1. *см.* **подмочи́ться;** 2. *страд.* аз таг андаке тар карда шудан

подма́щивать *несов. см.* **подмости́ть**

подма́щиваться *несов.* 1. *см.* **подмости́ться;** 2. *страд.* ба таги чизе гузошта шудан

подме́н *м см.* **подме́на**

подме́на *ж* (*по знач. гл.* **подмени́ть**) пинҳонӣ иваз (алиш) кардан(и); муваққатан иваз (бадал) кардан(и); ~ **карт** қаллобона иваз кардани карта; ~ **дежу́рного** муваққатан иваз кардани навбатдор

подме́нивать(ся) *несов. см.* **подменя́ть(ся)**

подмени́ть *сов. кого-что* 1. пинҳонӣ иваз (алиш) кардан, пинҳонӣ бадал кардан (табдил додан); ~ **ка́рту** қартаро ноаён иваз кардан 2. муваққатан иваз (бадал) кардан; кори *касеро* ба уҳдаи худ гирифтан; ~ **дежу́рного** навбатдорро муваққатан иваз кардан

подмени́ться *сов.* номаълум иваз (бадал) шудан, ноаён табдил ёфтан

подменя́ть *несов. см.* **подмени́ть**

подменя́ться *несов.* 1. *см.* **подмени́ться;** 2. *страд.* пинҳонӣ иваз карда шудан

подмерза́ть *несов. см.* **подмёрзнуть**

подмёрзл||ый, -ая, -ое *разг.* андак яхбаста, андак яхкарда, яхи тунук баста; ~**ая грязь** лои андак яхбаста, лои андак шахшуда

подмёрз||нуть *сов.* 1. андак ях бастан, андак ях кардан, тунук ях бастан; **лу́жи** ~**ли** руи кулмакҳо тунук ях бастааст; **на у́лице сего́дня** ~**ло** *безл.* имруз берун андак ях кардааст 2. андак сармозада (хунукзада) шудан, аз хунукӣ вайрон шудан; **фрукто́вые дере́вья** ~**ли** дарахтони меваДорро андак хунук задааст, хунукӣ ба дарахтҳои мева андак таъсир кардааст

подмеси́ть *сов. что, чего* илова карда сириштан; ~ **муки́ в те́сто** ба хамир боз орд илова карда сириштан

подмести́ *сов.* 1. *что и без доп.* руфтан, ҷору́б кардан (задан), ру́фтуруб кардан; ~ **сор** хасрубаро руфтан; ~ **в ко́мнате** хонаро руфтан 2. *что подо что* руфта ба таги (ба зери) *чизе* ҷамъ кардан; ~ **сор под крыльцо́** хасрубаро ба таги айвонча руфтан

по́дмесь *ж* омехтагӣ, омехта, чизи омехташуда

подмета́ла *м, ж прост.* ҷорубкунанда, руфтуру́бкунанда

подмета́льн||ый, -ая, -ое ...и ру́фтан(и), рубанда, руфтуруб; ~**ая маши́на** мошини руфтуруб, мошини рубанда

подмета́льщик *м* руфтурубкунанда, фаррош

подмета́льщица *женск. к* **подметальщик**

подмета́ние *с* (*по знач. гл.* **подмести́**) руфтан(и), ҷоруб кардан(и), руфтуруб

подмета́ть I *несов. см.* **подмести́**

подмета́ть II *сов. что* аз таг лаганда кардан, кук бастан; ~ **подкла́дку к пальто́** астари пальторо кук бастан

подмета́ться *несов. страд.* руфта шудан

подме́тить *сов. кого-что* дида монДан, банохост дидан, дарьёфт кардан; ~ **недоста́тки** камбудиҳоро дарьёфт кардан

подмётк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **подмета́ть** II) аз таг лаганда кардан(и), кук бастан(и) 2. тагчарми пойафзол, кафакӣ; **поста́вить** ~**и** тагчарм андохтан, кафакӣ духтан (задан) ◇ ~**и не сто́ит** *чьей* ба ду пул ҳам намеарзад, ба як тора му́и *касе* ҳам намеарзад; **в** ~**и не годи́тся** *кому* ба як тора муи (нохуни пои) *касе* ҳам намеарзад; **на ходу́** ~**и рвёт (ре́жет)** аз болои шутур алаф медаравад; аз чашм сурмаро мезанад

подметну́ть *сов. что уст. и прост.* пинҳонӣ (махфӣ) партофтан, пинҳонӣ (махфӣ) гузоштан, пинҳонӣ (махфӣ) мондан; ~ **письмо́** пинҳонӣ мактуб партофтан

подмётн||ый, -ая, -ое *уст.* пинҳонӣ (махфӣ) партофташуда; ~**ое письмо́** мактуби пинҳонӣ партофташуда

подмёточный, -ая, -ое тагчарми, ...и кафакӣ; ...и кафакии пойафзол; ~ **това́р** моли тагчарми

подмётывать I *несов. см.* **подмета́ть** II

подмётывать II *несов. см.* **подметну́ть**

подмётываться I *несов. страд.* аз таг лаганда карда шудан

подмётываться II *несов. страд.* пинҳонӣ партофта шудан

подмеча́ть *несов. см.* **подме́тить**

подмеча́ться *несов. страд.* дида шудан, ба чашм бархӯрдан

подмеша́ть *сов. что, чего* омехтан, аралаш (қатӣ) кардан; ~ **песку́ в це-ме́нт** ба цемент рег омехтан

подме́шивание I *с* (*по знач. гл.* **подмеси́ть**) илова карда сириштан(и)

подме́шивание II *с* (*по знач. гл.* **подмеша́ть**) омезиш, омехтан(и), аралаш (қатӣ) кардан(и)

подме́шивать I *несов. см.* **подмеси́ть**

подме́шивать II *несов. см.* **подмеша́ть**

подме́шиваться I *несов. страд.* илова карда сиришта шудан

подме́шиваться II *несов. страд.* омехта шудан

подми́гивание *с* (*по знач. гл.* **подмигну́ть**) чашмакзанӣ, чашмзанӣ, чашмакӣ кардан(и), бо чашм имо кардан(и)

подми́гивать *несов. см.* **подмигну́ть**

подмигну́ть *сов. и однокр. кому* чашмак (чашм) задан, чашмакӣ кардан, бо чашм имо (ишора) кардан

подмина́ть *несов. см.* **подмя́ть**

подмо́г||а *ж уст. и разг.* ёрӣ, мадад, ёрмандӣ, имдод; **идти́ на** ~**у кому́-л.** ба кумаки касе шитофтан (миён бастан)

подмока́ть *несов. см.* **подмо́кнуть**

подмо́кнуть *сов.* аз поён андаке тар шудан, аз таг каме нам кашидан

подмола́живать *несов. см.* **подмолоди́ть**

подмола́живаться *несов.* 1. *см.* **подмолоди́ться;** 2. *страд.* ҷавонтар карда шудан

подмолоди́ть *сов. кого-что разг.* ба намуд ҷавонтар кардан, ҷавоннамо (ҷавонтар) кардан

подмолодиться *сов. разг.* худро ҷавонтар вонамуд кардан

подмоло́ть *сов. что, чего разг.* боз (бештар) орд кардан, барилова орд кашидан; ~ **пшени́цы** аз гандум боз орд кашидан

подмора́живать *несов. см.* **подморо́зить**

подмора́живаться *несов. страд.* андак ях бандонда шудан

подморгну́ть *сов. и однокр. разг. см.* **подмигну́ть**

подморо́зи||ть *сов.* 1. *что* андак ях бандондан, андак ях кунондан, андак хунук (сармо) занондан; ~**ть мя́со** гуштро андак ях кунондан 2. *безл.* ях кардан, хунукӣ зиёд шудан; **сего́дня** ~**ло** имруз таги по ях кард; имруз андак яхбандӣ шуд

подмоско́вный, -ая, -ое ...и назди Москва, наздимосквагӣ; ~ **лес** бешазори назди Москва // *в знач. сущ.* **подмоско́вная** *ж уст. разг.* мулки (ҳавлии) наздимосквагии заминдор

подмости́ть *сов. что разг.* ба таги (зери) чизе гузоштан; ~ **под го́лову свёрток** буғчаро ба таги сар гузоштан

подмости́ться *сов. разг.* баландтар ҷой гирифтан; ҷойгир шудан

подмо́стки *мк. мн.* 1. тахтасуфаи муваққатӣ, тахтапул 2. (*сцена*) саҳна

подмота́ть *сов. что, чего* печондан; барилова печондан, боз андак печондан; ~ **ни́ток на шпу́льку** ба ғалтак боз андак ресмон печондан

подмо́тка *ж* (*по знач. гл.* **подмота́ть**) печондан(и); барилова печондан(и)

подмо́ченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* аз таг андаке таршуда 2. *прил. разг.* вайроншуда, пӯсида, бад, ифлос; ~**ая репута́ция** бадномӣ, эътибори аздастрафта; номи ба гандагӣ баромада

подмочи́ть *сов. что* аз таг андаке тар кардан, аз таг каме нам кашондан; ~ **мешки́ с муко́й** ҷуволҳои ордро аз таг андаке тар кардан

подмы́в *м* (*по знач. гл.* **подмы́ть** 3) шуста бурдан(и), шуста кучондан(и)

подмыва́ние *с* (*по знач. гл.* **подмы́ть** 1) шустушу, шустушу кардан(и); (*по знач. гл.* **подмы́ться**) ғусл кардан(и)

подмыва́||ть *несов.* 1. *см.* **подмы́ть;** 2. *кого-что чаще безл. разг.* ҳавасманд (таҳрик) кардан, майли бисьёр доштан; **его́ так и** ~**ло рассказа́ть об э́том** у ба баёни ин мавзуъ майли бисьёре дошт

подмыва́ться *несов.* 1. *см.* **подмы́ться;** 2. *страд.* шуста шудан

подмы́ливать *несов. см.* **подмы́лить**

подмы́лить *сов. что* андак собун задан, каме кафк кунондан

подмы́||ть *сов.* 1. *кого-что* шустан, [каме] шустушу кардан; **~ть ребёнка** кудакро шустан 2. *что* шустан, равондан; **~ть пол** фарши хонаро шустан 3. *что* шуста бурдан (кучондан); **тече́нием ~ло бе́рег** *безл.* канори дарьёро об шуста бурд

подмы́ться *сов.* худро шустан, оббозӣ кардан, ғусл кардан, каме шустушу кардан

подмы́шечный, -ая, -ое ...и зери бағал, зерибағалӣ

подмы́шки *мн.* *(в косв. падежах пишется раздельно)* зери бағал, таги каш, таги қӯлтуқ; **взять под мы́шки** аз таги бағал доштан, аз таги каш гирифтан; **носи́ть под мы́шкой** дар зери бағал гирифта гаштан, зери бағал қарда гаштан

подмы́шник *м* арақчини зерибағалӣ

подмяка́ть *несов.* *см.* **подмя́кнуть**

подмя́кнуть *сов.* *разг.* нам кашида мулоим шудан, зах кашида нарм шудан; аз намӣ (аз тарӣ) мулоим шудан

подмя́ть *сов.* *кого-что* зер (пахш) кардан, фишурдан

поднадзо́рный, -ая, -ое таги чашм гирифташуда, дар тахти назоратбуда, тахтиназоратӣ // *в знач. сущ.* **поднадзо́рный** *м,* **поднадзо́рная** *ж* каси таги чашм гирифташуда

поднажа́ть *сов.* *прост.* 1. *что, на кого-что и без доп.* зиёдтар фушурдан, зер (пахш) кардан; тела додан; ~ *на дверь* *дарро зиёдтар тела додан* 2. *на кого-что и без доп.* *перен.* касеро маҷбур кардан, водор кардан 3. *на что и без доп.* *перен.* ҷидду ҷаҳд кардан, кушидан; ~ **на план** барои иҷрои план ҷидду ҷаҳд кардан

поднажима́ть *несов.* *см.* **поднажа́ть**

поднакопи́ть *сов.* *что, чего разг.* кам-кам захира кардан, андак пасандоз кардан, оҳиста-оҳиста ҷамъ кардан

поднакопи́ться *сов.* *разг.* кам-кам захира шудан, оҳиста-оҳиста ҷамъ шудан

поднаторе́ть *сов.* *в чём прост.* камтар ёд гирифтан, андак кор омухтан, каме кордон (омил) шудан

поднату́живать(ся) *несов.* *см.* **поднату́жить(ся)**

поднату́жить *сов.* *что разг.* тарангтар кардан, боз андак тарангтар кардан, боз андак зур кардан, боз каме дамондан; ~ **му́скулы** мушакҳоро боз андак тарангтар кардан

поднату́житься *сов.* *разг.* боз андак зур кардан (задан)

поднача́льный, -ая, -ое *уст.* *и шутл.* тобеъ, мутеъ, зердаст, фармонбардор

подна́чивать *несов.* *см.* **подна́чить**

подна́чить *сов.* *кого-что прост.* иғво (васваса) кардан, киш-киш додан, ба шур андохтан (оварондан), шуроидан

подна́чка *ж* (*по знач. гл.* **подна́чить**) *груб.* *прост.* иғво, васваса, ба шур андохтан(и)

поднебе́сный, -ая, -ое 1. дуньёӣ, дуньявӣ, заминӣ; воқеӣ 2. *в знач. сущ.* **поднебе́сная** *ж* *уст.* *и фольк.* тамоми ҷаҳон, дуньё, сар то сари олам

поднебе́сье *с* фазои осмон, гунбази лоҷвард(ӣ), гардуни фалак, осмонҳо

поднево́льный, -ая, -ое (поднево|лен, -льна, -льно) 1. *уст.* тобеъ, мутеъ, зердаст, фармонбардор; ~ **челове́к** у шахсест фармонбардор 2. маҷбурӣ, тоқатфарсо; ~ **труд** меҳнати маҷбурӣ

поднесе́ние *с* *уст.* *см.* **подноше́ние**

поднести́ *сов.* 1. *кого-что* бардошта наздик кардан; ~ **спи́чку к огню́** донаи гугирдро ба оташ наздик кардан // бардошта овардан (бурдан), овардан, бурдан, расондан; ~ **ве́щи к по́езду** чизҳоро ба пеши поезд овардан // *безл.* *(течением и т. п.)* овардан, бурдан, баровардан, наздик кардан; **ло́дку поднесло́ к бе́регу** ҷараёни об қаикро ба соҳил баровард 2. *что, чего (угостить)* зиёфат кардан 3. *что* тақдим (пешкаш) кардан, инъом (ҳадья) кардан, бахшидан; ~ **буке́т цвето́в** дастаи гул тақдим кардан, гулдаста ҳадья кардан ◇ ~ **пилю́лю кому́-л.** ба қасе сухани аламовар гуфтан, кори ногувор кардан

поднести́сь *сов.* *разг.* шитобон (давон) омадан, дартоз омадан, давон-давон (зуд расида) омадан

поднёсь *нареч.* *уст.* *книжн.* то имрӯз, то ҳол, то ҳозир

поднизáть *сов.* *что, чего* барилова шадда кардан, боз андак ба ришта гузарондан, боз андак ҳамел кардан

подни́зывать *несов.* *см.* **поднизáть**

поднима́ние *с* (*по знач. гл.* **подня́ть**) бардоштан(и), баланд кардан(и), боло кардан(и)

поднима́||ть *несов.* 1. *см.* **подня́ть;** 2. *(о вагонах, судах и т. п.)* гунҷоиш додан, гунҷондан ◇ **~й вы́ше!** аз ин калонтар [гир]!

поднима́||ться *несов.* 1. *см.* **подня́ться;** 2. боло (баланд) шудан, ба боло рафтан, ба боло баромадан; **доро́га ~ется в го́ру** роҳ ба [болои] кӯҳ мебарояд 3. боло (баланд) шудан; **скала́ ~ется над мо́рем** харсанг аз баҳр баланд шудааст 4. *страд.* бардошта шудан, баланд карда шудан ◇ **рука́ не ~ется** даст намеравад

поднови́ть *сов.* *что* навтар кардан, намуди нав додан, таъмир (шикасту рехт) кардан; ~ **ме́бель** ба мебель намуди нав додан, мебельро таъмир кардан

поднови́ться *сов.* *разг.* нав шудан, нав барин шудан

подновле́ние *с* (*по знач. гл.* **поднови́ть**) навтар кардан(и), намуди нав додан(и), таъмир (шикасту рехт) кардан(и)

подновля́ть *несов.* *см.* **поднови́ть**

подновля́ться *несов.* 1. *см.* **поднови́ться;** 2. *страд.* навтар карда шудан

подного́тн||ая *ж* *разг.* сирру асрор, сирри пушида, сирри махфӣ; **узна́ть всю ~ую** ҳамаи сирру асрорро донистан

подно́жие *с* 1. *(горы)* домана 2. *(пьедестал)* поя, таҳкурсӣ, буньёд, асос

подно́жк||а *ж* 1. зинаи овезон, поймонак; **стоя́ть на ~е** дар болои поймонак истодан 2. *разг.* печалак, печалакандозӣ, пешпо додан(и); **дать ~у кому́-л.** касеро пешпо додан

подно́жный -ая, -ое зерипоӣ, ба таги пой гузошташаванда; ~ **ко́врик** гилемчаи пойандоз ◇ ~ **корм** 1) алафи чарогоҳ 2) хуроки муфт; даромади тасодуфӣ

подно́с *м* 1. (*по знач. гл.* **поднести́** 1) бардошта наздик кардан(и); бардошта овардан(и), бардошта бурдан(и) 2. лаълӣ; **поста́вить пиа́лы** на ~ пиёлаҳоро ба лаълӣ мондан (чиндан)

подноси́ть *несов.* *см.* **поднести́**

подноси́ться I *несов.* 1. *см.* **поднести́сь;** 2. *страд.* бардошта оварда шудан

подноси́ться II *сов.* *прост.* *(несколько износиться)* андак кӯҳна (хӯрда, суфта) шудан, нимдошт шудан

подно́ска *ж* *разг.* *см.* **подно́с** 1

подно́сный, -ая, -ое ...и бурдарасонӣ, ...и бурда расондан(и)

подно́счик *м* оранда, оваранда, биёранда, кашонанда; ~ **снаря́дов** тиркашон

подно́счица *женск.* *к* **подно́счик**

подноше́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **поднести́** 2, 3) зиёфат кардан(и); тақдим (пешкаш) кардан(и), инъом (ҳадья) кардан(и) 2. пешкаш, инъом, ҳадья, туҳфа, бахшиш

подныривать *несов.* *см.* **поднырну́ть**

поднырну́ть *сов.* *под кого-что* ғута зада ба таги чизе даромадан, ғута зада аз таги чизе гузаштан

подня́тие *с* (*по знач. гл.* **подня́ть**) бардоштан(и), баланд кардан(и), боло кардан(и), афроштан(и); тараққӣ додан(и); (*по знач. гл.* **подня́ться**) баланд шудан(и), боло шудан(и), афзудан(и); ~ **за́навеса** боло кардани парда; ~ **интере́са** бардоштани рӯҳия (рӯҳ), шавкманд кардан(и); ~ **урожа́йности** зиёд кардани ҳосил, серҳосил кардан(и); ~ **па́ра** *с.-х.* шудгор карда дам додани замин

подня́ть *сов.* 1. *кого-что* бардоштан, баланд кардан; ~ **упа́вший плато́к** румоли ба замин афтодаро бардоштан; ~ **чемода́н** чамадонро бардоштан // *что перен.* *разг.* *(одолеть)* аз ӯҳда баромадан, иҷро карда тавонистан // *что перен.* *разг.* тафтиш кардан; ~ **архи́в** архиврo тафтиш кардан 2. *кого-что* бардоштан, боло кардан, баланд кардан, афроштан; ~ **флаг** байрақ афроштан; ~ **за́навес** пардаро бардоштан (боло кардан) 3. *кого-что* хезондан, бархезондан, бардоштан, рост кардан; ~ **ло́шадь** аспро хезондан; ~ **забо́р** девор бардоштан (задан) // *кого разг.* *(вылечить)* сиҳат кардан, шифо додан // *кого разг.* *(воспитать)* тарбия кардан, парвариш додан, ба воя расондан 4. *кого-что* хезондан, бархезондан, роҳ равондан, ба роҳ даровардан; ~ **отря́д с о́тдыха** истироҳати отрядро қатъ кардан // бедор кардан, хезондан; ~ **с посте́ли** бедор кардан, аз хоб хезондан // *охот.* тарсондан, рамондан, ҳаросон-

дан, ваҳмондан; ~ **зайца** харгуширо рамондан 5. *кого-что перен.* бархезондан, барангехтан, шӯрондан; ~ **в атаку** ба ҳуҷум (ба шӯриш) бархезондан 6. *что в сочет. с сущ.* бардоштан, хезондан, кардан; ~ **крик** мағал бардоштан; ~ **мятеж** исьён кардан 7. *что* баланд кардан, баландтар бардоштан; ~ **пыль** боз хок рехта теппаро баландтар кардан // *кого-что перен.* боло бардоштан, баланд кардан; ~ **кого-л. в общественном мнении** нуфузи касеро боло бардоштан, обруи касеро дар (байни) ҷамъият боло бардоштан; ~ **на должную высоту** ба дараҷаи даркорӣ боло бардоштан 8. *что* баланд кардан, афзудан, зиёд кардан; ~ **урожай** ҳосилро зиёд кардан; ~ **интерес** бештар завқманд кардан // *перен. (настроение и т. п.)* беҳтар кардан, баланд кардан, боло кардан, хушҳол кардан 9. *что* дуруст (соз) кардан, боло бардоштан, ба роҳ мондан, тараққи (ривоҷ) додан; ~ **хозяйство** хоҷагиро ба роҳ мондан; ~ **торговлю** савдоро ривоҷ додан 10. *что с.-х.* замин гардондан, шудгор кардан, рондан, ҳай (ҷуфт) кардан; ~ **целину** замини партавро обод кардан 11. *что муз.* як парда болотар соз кардан; ~ **скрипку** скрипкаро як парда болотар соз кардан 12. *что геод., жив.* аёнтар (равшантар, возеҳтар) кардан; ~ **карту** харитаро аёнтар (равшантар) ранг кардан ◇ ~ **глаза на кого-что-л.** ба касе, чизе чашм дӯхтан; чашм бардошта ба касе, чизе нигоҳ кардан; сар бардошта назар афкандан; ~ **голову** ҷон гирифтан, рӯҳбаланд шудан, фаъол шудан; ~ **голос** 1) овоз баланд кардан; овозро сар додан 2) изҳор (баён) кардан 3) ҳуқуқи худро ҳимоя кардан; ~ **меч** шамшер кашидан, ҷанг эълон кардан, ҷангу ҷидол сар кардан; ~ **нос** мағрур шудан, кибр кардан; ~ **пары** фишори буғро баланд кардан; ~ **руку на кого-л.** 1) бар зидди касе даст бардоштан 2) дасти тааддӣ дароз кардан; ~ **из пепла** чизи сухта харобшударо аз нав барқарор кардан; ~ **на ноги** 1) сиҳат кардан, дуруст кардан 2) тарбия кардан, ба воя расондан 3) фаъол кардан, ба фаъолият (ба кор) даровардан 4) ба ҳаяҷон овардан, ошуфта кардан; ~ **на щит** *кого-что* таъриф (ситоиш, болобардор) кардан

подня||ться *сов.* 1. баланд (боло) шудан, баромадан; ба боло паридан; ~**ться на гору** ба куҳ баромадан // баланд шудан, афрошта шудан; ~**лся флаг** байрақ афрошта шуд 2. *(о светилах)* тулӯъ кардан, баланд шудан // *(о дыме, паре и т. п.)* баланд шудан, баромадан, паҳн шудан 3. хестан, бархостан, баланд (боло) шудан; ~**ться со стула** аз курсӣ хестан; ~**ться с постели** 1) *(проснуться)* аз хоб хестан, бедор шудан 2) *(выздороветь)* аз бистари нотобӣ (беморӣ) хестан, аз касалӣ хестан, шифо ёфтан, сиҳат шудан // *перен. (возродиться)* аз нав барқарор (нек) шудан, монанди пештара шудан 4. хестан, ҳаракат кардан, [хеста] равона шудан, ба роҳ даромадан; **полк ~лся с отдыха** полк аз истироҳат хеста ба роҳ даромад 5. хестан, бархостан, ба шуриш хестан, ба по хестан, сар бардоштан; ба амал шурӯъ кардан; **весь народ ~лся** тамоми халқ сар бардошт 6. сар шудан, хестан, бархостан; ~**лся шум** мағал хест, ғавғо сар шуд 7. баланд шудан, дамидан; **вода в реке ~лась** оби дарьё дамидааст, оби дарьё баланд шудааст // *(о тесте)* расидан // *перен.* обру пайдо кардан, эътибор зиёд кардан; ~**ться в общественном мнении** дар пеши ҷамъият обру пайдо кардан; дар афкори иҷтимоӣ эътибор зиёд кардан 8. баланд шудан, афзудан, зиёд шудан; **цены ~лись** нархҳо баланд шуданд // *перен.* беҳтар шудан, баланд шудан, боло шудан, хушҳол шудан; **настроение ~лось** вакташ хуш шуд, димоғаш чоқ шуд 9. тараққӣ (ривоҷ) кардан, инкишоф ёфтан; **хозяйство ~лось** хоҷагӣ тараққӣ кард (инкишоф ёфт) 10. *муз.* баланд шудан ◇ ~**ться на ноги** 1) сиҳат (дуруст) шудан 2) мустақил (соҳибихтиёр) шудан, калон шудан 3) аҳволи моддии худро беҳтар кардан

подо *предлог ба ҷои «под» кор фармуда мешавад:* 1) *дар таркибҳои «подо мной», «подо что»; инчунин (дар баробари «под») дар таркибҳои «подо всем», «подо всей», «подо всеми»* 2) *пеш аз калимаҳои бо ду ё зиёда ҳамсадо саршаванда, ки якуми онҳо «р» ё «л» мебошад* — **подо рвом, подо льдом;** *см.* **под**

подо- *приставка префиксест, ки ба ҷои «под-» дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:* 1) *пеш аз «й»* — **подойти** наздик омадан 2) *пеш аз ду ё зиёда ҳамсадо* — **подобрать** чида гирифтан; **подоткнуть** қат кардан 3) *пеш аз ҳамсадое, ки баъд аз он «ь» меояд* — **подобью, подолью;** *см.* **под-**

подоба||ть *несов. кому-чему и с неопр.* шоистан, боистан, сазовор будан, лоиқ (муносиб) будан; **ему не ~ет так поступать** ба у ин рафтор намезебад

подобающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* шоён, сазовор 2. *прил.* сазовор, лоиқ, муносиб, шоиста; **занять ~ее положение** мақоми муносиб гирифтан; ~**им образом** ба таври бояду шояд, ба тавре ки бояд

подоби||е *с* 1. монанди, шабеҳи, шабоҳат 2. *мат.* шабоҳат; монанди; ~**е треугольников** монандии секунҷаҳо ◇ **по образу и ~ю** *кого, чьему уст.* айнан, биайниҳӣ, мисли..., монанди..., худи...

подоблачн||ый, -ая, -ое осмонхарош, зериабрӣ; ~**ые вершины** қуллаҳои осмонхарош

подобно *нареч. в знач. предлога с дат.* монанди..., мисли..., барин, худи..., назири..., ҳамчун; ~ **тигру** паланг барин; палангвор ◇ **смеху** ~ *прост. пренебр.* ин масхара аст

подобн||ый, -ая, -ое (подоб|ен, -на, -но) 1. монанд, мисл, мушобеҳ, барин; **случая, ~ого этому, раньше не было** ин зайл воқеа пеш рӯй надода буд 2. чунин, ҳамин, ҳамин гуна, ҳамин тавр, ин тарз; **поступить ~ым образом** ба ин тарз (ҳамин тавр) рафтор кардан 3. *мат.* монанд, шабеҳ ◇ **ничего ~ого** ба ҳеҷ ваҷҳ, асло; ҳеҷ ин тавр нест; **и тому ~ое (и т. п.)** ва монанди ин (ва м. ин)

подобострастие *с* тамаллуқкорӣ, хушомадгӯӣ, лаганбардорӣ, чоплусӣ; **относиться к кому-л. с ~м** ба касе бандавор итоат кардан

подобострастничать *несов.* тамаллуқкорӣ (хушомадгӯӣ) кардан, лаганбардорӣ (чоплусӣ) кардан

подобострастно *нареч.* бо тамаллуқ, тамаллуқкорона, лаганбардорона

подобострастность *ж см.* **подобострастие**

подобострастный, -ая, -ое (подобостраст|ен, -на, -но) ботамаллуқ, тамаллуқкорона, лаганбардорона, косалесона; ~ **человек** чоплус; ~ **взгляд** нигоҳи ботамаллуқ

подобранность *ж* озодагӣ, босалика будан(и), хушлибос будан(и)

подобранный, -ая, -ое 1. *прич.* чидашуда, ғундошташуда 2. *прил.* озода, босалика, покиза, хушнамуд; хушлибос; **у него ~ вид** ӯ хушлибос аст; намудаш хеле озода

подобрать *сов.* 1. *кого-что* чида гирифтан, чидан, ғундошта гирифтан, бардоштан; ~ **орехи** чормағзҳоро чидан; ~ **раненых** аскарони захмдорро бардоштан // *что разг. (съесть)* чида хурдан; **голуби подобрали зёрна** кафтарҳо донҳоро чида хӯрданд // *кого-что разг. (взять к себе)* ёфтан, ёфта бо худ бурдан, ёфта барои худ гирифтан // *кого-что разг. (захватить по дороге)* аз байни роҳ гирифта бурдан 2. *что* бардоштан, ғундоштан; ~ **подол** доманро ғундоштан // ғундоштан, кашидан; ~ **поводья** лаҷомро кашидан; ~ **ноги** пойҳоро ғундоштан 3. *кого-что* интихоб карда (хоста, сара карда) гирифтан, ғундоштан; ~ **костюм** костюм интихоб карда гирифтан; ~ **библиотеку** китобхона фароҳам кардан // чида гирифтан, чида бо тартиб мондан, яктараф кардан (гузоштан); ~ **карты по мастям** қартаҳои ҳамхолро чида якҷоя кардан

подобра||ться *сов.* 1. ғун (ҷамъ) шудан, ҷамъ омадан; ба вуҷуд (ба амал) омадан, тартиб (таркиб) ёфтан; ~**лась хорошая библиотека** китобхона хуб ҷамъ шуданд; китобхонаи хубе ба вуҷуд омад 2. *разг.* поида-поида омадан, ноаён омадан, пинҳонӣ (махфӣ) наздик шудан; **лиса ~лась к курятнику** рӯбоҳ пинҳонӣ ба катаки мурғ наздик омад 3. *подо что разг. (залезть)* даромадан 4. *разг. (приосаниться)* худро бовиқор нишон додан 5. *разг. (сжаться)* бурма шудан, ба худ печидан, печутоб хурдан 6. *прост. (израсходоваться)* тамом (соф) шудан, адо шудан, харҷ (сарф, масриф) шудан; истифода шудан

подобреть *сов.* нек шудаи, хайрхоҳ

(савобдуст) шудан, раҳмдил (раҳмхӯр, ғамхур) шудан, меҳрубон шудан

подобру́-поздорову *нареч. разг.* хушӣ ба хушӣ, сари дарвақт; ба нағзӣ, ба хубӣ; **убирайся** ~ ба нағзӣ аз ин ҷо рав; ба хубӣ дафъ шав

подо́вый, -ая, -ое 1. ...и фарши танӯр; ~ **кирпи́ч** хишти фарши танур 2. тануриӣ, дар руи фарши танур пухташуда; ~ **хлеб** нони тануриӣ, нони дар руи фарши танур пухташуда

подогна́ть *сов.* 1. *кого-что* ҳай карда овардан (бурдан), ҳай кардан, рондан; ~ **коро́в к водопо́ю** говҳоро ба обхура ҳай карда овардан (бурдан) 2. *кого-что* ҳай карда овардан (бурдан); ~ **ове́ц под наве́с** гусфандонро ба собот ҳай карда даровардан 3. *кого-что* тезтар ҳай кардан, тезтар рондан; ~ **лошаде́й** аспҳоро ҳай кардан // *перен. разг.* шитоб кунондан, ҳадаҳа кардан 4. *что* ҷафс (соз) кардан, ҷо ба ҷо (мувофиқ) кардан; мутобиқ кунондан; ~ **ра́мы к о́кнам** чорчубаҳоро ба тирезаҳо мувофиқ кардан 5. *что разг.* мутобиқ (мувофиқ) кардан, мутобиқ (мувофиқ) кунондан; ~ **о́тпуск к прие́зду сы́на** отпускро ба омад-омади писар мувофиқ кунондан

подогну́ть *сов. что* 1. ба таг қат (дуқат) кардан, ба дарун хамондан, ба дарун хам (қат) кардан, барзадан, ғундоштан; ~ **по́лы** доман қат кардан (барзадан) 2. қат кардан, ғундоштан; ~ **под себя́ но́ги** пойҳоро ғундоштан, сари зону нишастан

подогну́||ться *сов.* 1. қат шудан; **воротни́к** ~**лся** гиребон қат шуд 2. *(о ногах)* қат шудан, ғундошта шудан

подогре́в *м* (*по знач. гл.* **подогре́ть**) гарм кардан(и); (*по знач. гл.* **подогре́ться**) гарм шудан(и); ~ **мото́ра** гарм кардани мотор

подогрева́ние *с* (*по знач. гл.* **подогре́ть**) гарм кардан(и)

подогрева́тель *м* гармкунак

подогрева́тельный, -ая, -ое гармкунанда, ...и гармкунак, ...и гарм кардан(и); ~ **прибо́р** асбоби гармкунак

подогрева́ть *несов. см.* **подогре́ть**

подогрева́ться *несов.* 1. *см.* **подогре́ться**; 2. *страд.* гарм карда шудан

подогре́вный, -ая, -ое *см.* **подогрева́тельный**

подогре́ть *сов.* 1. *что, чего* гарм кардан 2. *кого-что перен.* гарм кардан, ҷон даровардан, зинда кардан, ба шавқ овардан; ~ **настрое́ние** димоғро чоқ кардан

подогре́ться *сов.* гарм шудан

пододвига́ть *несов. см.* **пододви́нуть**

пододвига́ться *несов.* 1. *см.* **пододви́нуться**; 2. *страд.* наздик карда шудан

пододви́нуть *сов. кого-что* наздик кардан, пештар гузоштан, тела дода наздик овардан, наздиктар кардан; ~ **стул к столу́** курсиро ба пеши миз овардан, харакро ба миз наздик мондан (гузоштан)

пододви́нуться *сов.* наздик шудан, наздиктар (пештар) нишастан

пододея́льник *м* ҷилди кӯрпа (кампал)

подожд||а́ть *сов.* 1. *кого-что, чего и без доп.* мунтазир шудан, интизорӣ кашидан, нигарон (чашмдор) шудан; ~**а́ть по́езда** поездро мунтазир шудан 2. *с неопр., с чем и без доп. разг.* сабр кардан, бардошт (таваққуф) кардан, андак истодан; ~**и́, не закрыва́й окно́** сабр кун, тирезаро набанд // *повел.* **подожди́(те)** нарав(ед), ист(ед) ✓ ~**и́ же** мебинӣ ҳа; **ну** ~**и́ ты у меня́!** ту ҷазоатро мебинӣ!

подозва́ть *сов. кого* ҷеғ задан, фарьёд (садо) кардан, бо имову ишора ҷеғ задан

подозрева́||ть *несов.* 1. *кого-что* гумонбар шудан, гумон кардан (бурдан), бадгумон шудан; ~**ть кого́-л. в обма́не** касеро фиребгар гумон кардан 2. *что, о чём и с союзом «что»* гумон (тахмин) кардан, гумон бурдан (доштан); **я** ~**ю, что здесь кро́ется оши́бка** ман гумон дорам, ки ин ҷо саҳве ҳаст

подозрева́ться *несов. страд.* гумон карда шудан

подозре́ни||е *с* 1. шубҳа, гумон, гумони бад; **навле́чь на себя́** ~**е** аз худ гумонбар кардан; **быть под** ~**ем** (**на** ~**и**) **у кого́-л.** аз тарафи касе гумонбар шудан; **вне** ~**я** бешубҳа, бешак; бегумон, бидуни гумон 2. тахмин, гумон; **есть** ~**е на корь** тахмин меравад, ки ин сурхча аст

подозри́тельно *нареч.* бо шубҳа, шубҳаовар, шубҳанок, шубҳаомез; бо шакку шубҳа; **он** ~ **посмотре́л** вай шубҳаомез нигоҳ кард

подозри́тельность *ж* 1. шубҳанокӣ, шубҳаангезӣ 2. бадгумонӣ, гумонбарӣ, нобоварӣ; **относи́ться к кому́-л. с** ~**ю** аз касе бадгумон (гумонбар) шудан; **страда́ть изли́шней** ~**ю** аз ҳад зиёд шубҳа кардан, аз ҳад зиёд бадгумон будан

подозри́тельн||ый, -ая, -ое (подозри́те|лен, -льна, -льно) 1. шубҳанок, шубҳаомез, шубҳаангез, шубҳаовар; ~**ая ли́чность** шахси шубҳаовар (шубҳанок) 2. *(недоверчивый)* шубҳакунанда, бадгумон, нобовар

подои́ть *сов. кого-что* душидан, ҷушидан

подо́йник *м* говдуша, хурмаи говдушӣ, зарфи ширҷушӣ

подойти́ *сов.* 1. *к кому-чему* наздик омадан (шудан), омадан, расидан, омада расидан; ~ **к две́ри** ба пеши дар омадан // *(о поезде, пароходе, машине и т. п.)* расида омадан, наздик шудан; **подошёл по́езд** поезд расида омад; **шлю́пка подошла́ к бе́регу** қаиқ ба соҳил наздик шуд // *(о времени, событии, явлении)* расидан, фаро расидан, омадан, шудан; **подошёл ве́чер** шом шуд; **подошла́ ста́рость** айёми пирӣ расид 2. *к чему (о дороге, реке и т. п.)* ҳамҳудуд (ҳамсоя) шудан, омадан, расидан, ҷой гирифтан; **лес подошёл к са́мому бе́регу реки́** ҷангал то худи соҳили дарьё расидааст 3. *к чему* наздик шудан, машғул шудан; ~ **к вопро́су** ба масъала наздик шудан 4. *к кому-чему* муносибат кардан (доштан); **крити́чески** ~ *к чему* аз назари танқид муносибат кардан 5. зебидан, мувофиқ (мутобиқ) омадан, муносиб будан; **э́то пальто́ мне подойдёт** ин пальто ба ман мувофиқ аст 6. *разг. (о тесте)* расидан ◇ ~ **к концу́** ба итмом (ба охир) расидан, тамом шудан

подоко́нник *м* зертахтаи тиреза, канораи тиреза, токчаи пеши тиреза

подоко́нный, -ая, -ое ...и зертахтаи тиреза, ...и канораи тиреза

подоко́нье *с обл.* 1. девораи таги тиреза, он қисми девор, ки дар таги тиреза аст 2. *см.* **подоко́нник**

подо́л I *м* доман; ~ **пла́тья** домани курта

подо́л II *м обл.* доманаи кӯҳ

подолби́ть *сов. что и без доп.* муддате куфтан, сӯрох кардан, каме кофтан, шикофтан

подо́лгу *нареч.* муддати дароз, муддати зиёд, хеле вақт, дуру дароз; **он** ~ **броди́л по́ лесу** у дар ҷангал сайру гаштҳои дуру дароз карда меистод

подольсти́ться *сов. к кому-чему разг.* бо хушомадгуӣ *касеро* ба худ ҷалб кардан, бо тамаллуқ дили *касеро* ба даст даровардан

подольща́ться *несов. см.* **подольсти́ться**

подо́нки 1. *тк. мн.* таҳнишаста, таҳшин, дурда 2. *мн* (*ед.* **подо́нок** *м*) *перен.* партовҳо, разилҳо, радди маъракашудагон; унсурҳои нохалафи иҷтимоӣ; ~ **о́бщества** партовҳои ҷамъият

подопе́чн||ый, -ая, -ое ...и таҳти васоят, ...и зери васоят; ~**ое лицо́** шахси таҳти васоят; ~**ая террито́рия** мавзеи зери васоят // *в знач. сущ.* **подопе́чный** *м*, **подопе́чная** *ж* шахси ба васоят гирифташуда; шахси ҳимояшаванда

подоплёка *ж* сабаби пинҳонӣ (махфӣ)

подопрева́ть *несов. см.* **подопре́ть**

подопре́л||ый, -ая, -ое аз таг андак пусида (тосида); пусида, зумухткарда; ~**ая ко́жа** пӯсти зумухткарда

подопре́ть *сов.* аз таг пусидан (тосидан), гандидан; андак пусидан (тосидан), каме зумухт кардан

подо́пытн||ый, -ая, -ое таҷрибавӣ; ~**ое по́ле** киштзори таҷрибавӣ

подорва́ть *сов. что* 1. таркондан; ~ **мост** пулро таркондан 2. *перен.* вайрон кардан, зарар (халал) расондан, бар бод додан; ~ **авторите́т** обру резондан (паст кардан); ~ **здоро́вье** саломатиро вайрон кардан (аз даст додан); худро касал кардан

подорва́ться *сов.* 1. таркидан, барҳам хурдан; ~ **на ми́не** ба мина бархурда таркидан, бо мина маҷруҳ шудан 2. *перен.* вайрон (бад) шудан, зарар дидан; **здоро́вье подорвало́сь** саломатӣ бад шуд

подорожа́ть *сов.* қимат (гарон) шудан

подоро́жная *ж ист.* роҳнома, васиқаи роҳ

подоро́жник *м бот.* борханг, забони барра, зуф, зуфтурун

подоро́жный, -ая, -ое дар сари роҳ буда, сарироҳӣ, болоироҳӣ; ~ **столб** сутуни сариpоҳӣ

подоси́новик *м* подосиновик *(занбуруғи сурхи хурданӣ)*

подосла́ть *сов.* 1. *кого-что* пинҳонӣ (махфӣ) фиристодан, пинҳонӣ (махфӣ) роҳӣ кардан 2. *что, чего прост.* боз (дубора) фиристодан

подосно́в||а *ж* 1. *текст.* тори поён *(дар матоъҳое, ки ду тор доранд)* 2. *перен.* сабаби ҳақиқӣ (аслӣ, асосӣ); **вскрыть ~у явле́ния** сабаби аслии воқеаро ошкор намудан

подоспева́ть *несов. см.* **подоспе́ть**

подоспе́ть *сов. разг.* бамавқеъ расидан, расида омадан; ~ **во́время** дар вақташ расида омадан

подостла́ть *сов. что* аз таг паҳн кардан, густурдан, андохтан

подотде́л *м* шуъбаи фаръӣ, шуъбача

подоткну́ть *сов. что разг.* қат кардан, барзадан, гирду ғун кардан, ғундошта ба таги чизе тиққондан; ~ **по́лы хала́та** доманҳои ҷомаро гирду ғун кардан; ~ **одея́ло** лабҳои курпаро ба дарун ғундоштан

подотря́д *м зоол.* гурӯҳи фаръӣ, гурӯҳча *(дар тақсимоти ҳайвонот ба гурӯҳҳо)*

подотчётность *ж* тобеият, ҳисоботдиҳӣ; ~ **о́рганов вла́сти наро́ду** тобеияти органҳои давлатӣ ба халқ

подотчётн||ый, -ая, -ое (подотчёт|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* ҳисобӣ; **~ая су́мма** маблағи ҳисобӣ 2. тобеъ, ҳисобдеҳ, масъул; **~ое лицо́** шахси ҳисобдеҳ (тобеъ)

подо́хнуть *сов.* мурдан, ҳаром мурдан // *груб. прост.* поча дароз кардан

подохо́дный, -ая, -ое даромадӣ, ...и даромад, аз руи даромад гирифташаванда; ~ **нало́г** андози даромад

подо́шв||а *ж* таг, тагчарми пойафзол, кафакӣ; **ту́фли на рези́новой ~е** туфлии тагаш резинӣ // *(ступня)* кафи по ◇ **~а горы́** доманаи кӯҳ

подо́швенн||ый, -ая, -ое ...и тагчарми пойафзол, ...и кафакӣ; **~ая ко́жа** тагчарми пойафзол

подпада́ть *несов. см.* **подпа́сть**

подпа́ивать I *несов. см.* **подпая́ть**

подпа́ивать II *несов. см.* **подпои́ть**

подпа́иваться I *несов. страд.* андак кафшер карда шудан

подпа́иваться II *несов. страд.* нӯшонда шудан

подпа́костить *сов. кому-чему разг.* зарар (зиён, халал) расондан, расво (вайрон) кардан

подпа́л *м см.* **подпа́лина** 2

подпа́ливать *несов. см.* **подпали́ть**

подпа́лина *ж* 1. *разг.* маҳалли (ҷои) сухта 2. холи (доғи) зард, холи маллатоб (ҳиной)

подпали́ть *сов. разг.* 1. *см.* **поджёчь** 1. 2; 2. *что* андаке сузондан, руякӣ сӯзондан, парт кардан; ~ **во́лосы** муйсарро парт кардан

подпа́рывать *несов. см.* **подпоро́ть**

подпа́рываться *несов.* 1. *см.* **подпоро́ться;** 2. *страд.* канда шудан *(оид ба дарз)*

подпа́сок *м* дастьёри чӯпон, чӯпонбача

подпа́сть *сов. подо что* мубтало (гирифтор) шудан, мондан, афтодан; ~ **под чьё-л. влия́ние** ба таъсири касе мондан

подпаха́ть *сов. что* боз андак шудгор кардан, барилова ҳай кардан

подпа́хивать *несов. см.* **подпаха́ть**

подпа́хотный, -ая, -ое *с.-х.* зеришудгорӣ; ~ **слой** қабати зеришудгорӣ

подпая́ть *сов. что* андак лаҳим кардан, лаҳим карда часпондан

подпева́ла *м, ж* 1. ҷуршаванда 2. *перен. разг.* балегуй, хушомадгуй, чоплус

подпева́ть *несов.* 1. ҷур шудан, ҳамовоз шудан 2. *перен. разг.* бо хушомадгӯӣ сухани касеро такрор кардан, балегуӣ (хушомадгуӣ, чоплусӣ) кардан

подпека́ть *несов. см.* **подпе́чь**

подпека́ться *несов.* 1. *см.* **подпе́чься;** 2. *страд.* хуб бирьён карда шудан

подпере́ть *сов. что* такья кунондан, танба мондан, танба задан; ~ **забо́р жёрдью** ба девор [аз хода] танба гузоштан

подпере́ться *сов. разг.* такья кардан

подпе́ть *сов. см.* **подпева́ть** 1

подпеча́тать *сов. что, чего разг.* боз андак (барилова) чоп кардан

подпеча́тывать *несов. см.* **подпеча́тать**

подпеча́тываться *несов. страд.* барилова чоп карда шудан

подпе́чь *сов. что разг.* [аз таг] хуб бирьён кардан, нағз сурх кардан

подпе́чься *сов. разг.* [аз таг] хуб бирьён шудан, [аз таг] суп-сурх шудан

подпи́ливание *с (по знач. гл.* **подпили́ть)** каме аз таг (аз бех) арра кардан(и); бо арра бурндан(и); ҳамвор кардан(и), суҳон кардан(и)

подпи́ливать *несов. см.* **подпили́ть**

подпи́ливаться *несов. страд.* ҳамвор карда шудан

подпили́ть *сов. что* 1. каме аз таг (аз бех) арра кардан; ~ **де́рево** дарахтро андак арра кардан 2. бо арра кутоҳ кардан (буридан); ~ **но́жки сту́ла** пойҳои курсиро аррида кутоҳтар кардан 3. *разг. (пилкой, напильником)* ҳамвор (суҳон) кардан, совиш додан

подпи́лка *ж разг. см.* **подпи́ливание**

подпи́лок *м разг.* суҳон

подпи́лочный, -ая, -ое ...и суҳон

подпира́ть *несов. см.* **подпере́ть**

подпира́ться *несов.* 1. *см.* **подпере́ться;** 2. *страд.* такья кунонда шудан

подписа́ние *с (по знач. гл.* **подписа́ть** 1) имзо кардан(и), имзогузорӣ, даст мондан(и); ~ **догово́ра** имзо кардани шартнома

подписа́ть *сов.* 1. *что* имзо кардан (гузоштан), даст мондан; ~ **догово́р** шартномаро имзо кардан 2. *что* дар таг навиштан; ~ **ещё три строки́** аз таг боз се сатр навиштан 3. *кого-что* обуна кардан, нависондан; ~ **на газету** ба рузнома обуна кардан ◇ **решено и подписано** масъала қатъиян ҳал шуд

подписа́ться *сов.* 1. имзо кардан (гузоштан), даст мондан 2. обуна шудан; ~ **на журна́л** ба маҷалла обуна шудан ◇ ~ **обе́ими рука́ми** *под чем* бо майлу хоҳиши тамом розӣ шудан, пурра тарафдор будан

подпи́ск||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **подписа́ть** 3) обуна, обуна кардан(и), нависондан(и); *(по знач. гл.* **подписа́ться** 2) обуна шудан(и) 2. забонхат, тааҳҳуд (илтизоми) хаттӣ; **дать ~у** забонхат додан

подписн||о́й, -а́я, -о́е обунавӣ; **~о́е изда́ние** нашри обунавӣ ◇ **~о́й лист** варақаи ионат

подпи́счик *м* обуначӣ, обунашаванда

подпи́счица *женск. к* **подпи́счик**

подпи́сывание *с см.* **подписа́ние**

подпи́сывать *несов. см.* **подписа́ть**

подпи́сываться *несов.* 1. *см.* **подписа́ться;** 2. *страд.* имзо карда шудан

по́дпис||ь *ж* 1. *см.* **подписа́ние; бума́ги для ~и** ҳуҷҷатҳое, ки бояд имзо шаванд 2. имзо; **поста́вить свою́ ~ь** имзои худро гузоштан, имзо кардан, даст мондан; **прика́з за ~ью дире́ктора** фармони аз тарафи директор имзошуда 3. хат, катиба, навиштаҷот; **~ь на ка́мне** навиштаҷоти рун санг

подпи́хивать *несов. см.* **подпихну́ть**

подпихну́ть *сов. что разг.* ба таги (зери) чизе тиққондан

подплести́ *сов. что* барилова бофтан, илова карда бофтан

подплета́ть *несов. см.* **подплести́**

подплета́ться *несов. страд.* барилова бофта шудан

подплёти́на *ж текст.* ҷои пайванд *(дар наххои кандашудаи тор ё пуди матоъ)*

подплыва́ть *несов. см.* **подплы́ть**

подплы́||ть *сов.* 1. *к кому-чему* шинокунон омадан, шинокунон наздик шудан, шино карда наздик омадан; **~ть к бе́регу** шинокунон ба соҳил наздик шудан, ба соҳил шино кардан // *перен.* нарм-нарм наздик шудан, хиромон-хиромон омадан 2. *подо что* шинокунон даромадан, шино карда даромадан; **ло́дка ~ла под мост** заврақ шинокунон ба таги пул даромад

подпои́ть *сов. кого-что разг.* нушонда маст кардан, нушондан, маст кардан

по́дпол *м обл. см.* **подпо́лье** 1

подполза́ть *несов. см.* **подползти́**

подползти́ *сов.* 1. хазида наздик шудан, хазида омадан, гавак кашида (гаваккашон) омадан // *(о поезде, пароходе, машине и т. п.)* оҳиста-оҳиста ҳаракат карда наздик шудан; **по́езд подполз к вокза́лу** поезд оҳиста-оҳиста ба вокзал наздик шуд 2. *подо что* хазида (гавак кашида) даромадан; ~ **под стол** хазида ба таги миз даромадан

подполко́вник *м* подполковник

подпо́лье *с* 1. таҳхона, хонаи зеризаминӣ 2. пинҳонкорӣ, фаъолияти махфӣ, хуфия; **уйти́ в ~** ба пинҳонкорӣ гузаштан // *собир.* ташкилоти пин-

ҳонкорӣ; **антифашистское ~** ташкилоти пинҳонкории зиддифашистӣ

подпо́льн||ый, -ая, -ое пинҳон, пинҳонӣ, махфӣ, ғайриқонунӣ; **~ая работа** пинҳонкорӣ, кори махфӣ, амалиёти (фаъолияти) ғайриқонунӣ

подпо́льщик *м* аъзои ташкилоти махфӣ, пинҳонкор, махфикор

подпо́льщица *женск. к* **подпо́льщик**

подпо́ра, подпо́рка *ж* танба, тиргак; хода

подпо́рный, -ая, -ое ...и танба; **~ брус** танбачӯб

подпоро́ть *сов. что* аз дарун чок кандан, аз дарзаш кандан

подпоро́ться *сов.* аз дарун чок канда шудан, дарз канда шудан

подпо́ртить *сов. что разг.* андак вайрон кардан

подпо́ртиться *сов. разг.* андак вайрон шудан

подпору́чик *м уст. воен.* подпоручик (*рутбаи дуюми офицерӣ дар армияи подшоҳӣ, ки аз прапорщик болотар буд*)

подпо́чва *ж* 1. қабати дуюми хок, табақаи зери хок 2. *перен. книжн.* сабаби пинҳонӣ (ниҳонӣ, ноаён)

подпо́чвенн||ый, -ая, -ое ...и зери замин, зеризаминӣ, ...и таҳтуларз; **~ые во́ды** обҳои зеризаминӣ

подпоя́сать *сов. кого-что* камар (миён) бастан

подпоя́саться *сов.* камар (миён) бастан, миёни худро бастан; **~ кушако́м** фута бастан

подпоя́ска *ж обл.* камарбанд, миёнбанд, тасма

подпоя́сывать *несов. см.* **подпоя́сать**

подпоя́сываться *несов.* 1. *см.* **подпоя́саться**; 2. *страд.* камар баста шудан

подпра́вить *сов. что* 1. андак дуруст (соз) кардан, андак ислоҳ кардан, баъзе ҷойҳоро ислоҳ кардан; **~ рису́нок** расмро андак ислоҳ кардан 2. *разг.* андаке шифо (даво) кардан

подпра́виться *сов.* андак дуруст шудан, андак сиҳат шудан, каме шифо ёфтан

подпра́вка *ж* (*по знач. гл.* **подпра́вить**) *разг.* андак дуруст кардан(и), ислоҳи ҷузъӣ

подправля́ть *несов. см.* **подпра́вить**

подправля́ться *несов.* 1. *см.* **подпра́виться**; 2. *страд.* андак дуруст карда шудан

подпра́порщик *м уст. воен.* подпрапорщик (*рутбаи олии ҳайати хурди сардорикунандаи армияи подшоҳӣ*)

подпрева́ть *несов. см.* **подопре́ть**

подпру́га *ж* аил, зертанг, пуштанг

подпры́гивание *с* (*по знач. гл.* **подпры́гнуть**) ҷаҳиш, ҷастан(и), хез задан(и)

подпры́гивать *несов. см.* **подпры́гнуть**

подпры́гнуть *сов.* ҷаҳидан, ҷастан, хез задан

подпряга́ть *несов. см.* **подпря́чь**

подпряга́ться *несов.* 1. *см.* **подпря́чься**; 2. *страд.* шатак баста шудан

подпря́чь *сов. кого* шатак бастан, шатак кардан, барилова бастан

подпря́чься *сов. разг.* аз шотуи ароба кашидан, худро шатак баста ёрӣ додан (мадад кардан)

подпу́дривать *несов. см.* **подпу́дрить**

подпу́дриваться *несов.* 1. *см.* **подпу́дриться**; 2. *страд.* андак сафеда зада шудан

подпу́дрить *сов. кого-что разг.* каме сафеда молидан, андак сафеда задан (мондан)

подпу́дриться *сов. разг.* ба худ андак сафеда задан (молидан)

подпу́нкт *м* банди модда, моддача, қисми модда

по́дпуск *м* 1. (*по знач. гл.* **подпусти́ть** 1) то наздик шудан мондан(и); ба макидан мондан(и) 2. *рыб.* силсилаи шаст (*якчанд шасти ба ресмони дароз басташуда, ки ба таги ях партофта мешавад*)

подпуска́ть *несов. см.* **подпусти́ть**

подпуска́ться *несов. страд.* роҳ дода шудан

подпусти́ть *сов.* 1. *кого-что* барои наздик шудан роҳ додан, то наздик шудан мондан; **~ зве́ря побли́же** сайдро то наздиктар омадан роҳ додан // (*к матке*) макқондан, ба макидан мондан 2. *что, чего разг.* илова (ҳамроҳ) кардан, қати (аралаш) кардан, омехтан; **~ бели́л в кра́ску** белиларо бо ранг омехтан 3. *что разг.* гуфтан; **~ шпи́льку** пичинг задан (паррондан), гапи нешдор задан, гап паррондан ◇ **~ туру́сы** дурӯғ гуфтан; **иго́лки не ~** ба эродгири асосе нест

подпу́тать *сов. разг.* каме саҳв кардан, каме иштибоҳ кардан, андаке хато кардан

подпу́тывать *несов. см.* **подпу́тать**

подпуха́ть *несов. см.* **подпу́хнуть**

подпу́хнуть *сов. разг.* андак варам кардан, каме варамидан

подпуши́ть *сов. что* 1. *прост.* мӯина дӯхтан (*ба либос*) 2. борида камтар пушондан (*бо барф, қирав*)

подпу́шка *ж* 1. (*по знач. гл.* **подпуши́ть** 1) духтани муина (*ба либос*) 2. *разг.* лаблула 3. *охот.* тибит

подраба́тывание *с см.* **подрабо́тка**

подраба́тывать *несов. см.* **подрабо́тать**

подраба́тываться *несов. страд.* тайёр карда шудан

подрабо́тать *сов.* 1. *что разг.* тайёр (таҳия) кардан, барилова кор кардан; такмил додан, мукаммал кардан; **~ резолю́цию** қарорро тайёр (кор) кардан, қарор баровардан 2. *что, чего и без доп. прост.* барилова бозьёфт кардан

подрабо́тка *ж* (*по знач. гл.* **подрабо́тать**) *разг.* тайёр (таҳия) кардан(и); такмил додан(и), мукаммал кардан(и); **~ прое́кта реше́ния** таҳриру такмили лоиҳаи қарор

подра́внивать *несов. см.* **подровня́ть**

подра́вниваться *несов.* 1. *см.* **подровня́ться**; 2. *страд.* хамвор (баробар) карда шудан

подра́гива||ть *несов. разг.* 1. гоҳ-ногоҳ ларзидан, пир-пир паридан, паридан, гоҳ-ногоҳ ҷунбидан; **у неё ~ли гу́бы** лабҳояш гоҳ-ногоҳ меларзиданд; // (*о голосе*) ларзидан 2. *чем* ларзондан, ҷунбондан; **~ть ного́й** пойро ҷунбондан

подража́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **подража́ть**) тақлид, тақлид кардан(и), тақлидкорӣ; **в ~е кому́-чему́-л.** дар тақлиди касе, чизе; **он досто́ин ~я** у шоёни пайравист 2. асари тақлидӣ; назира; **~е италья́нской средневеко́вой жи́вописи** назира ба санъати рассомии асрҳои миёнаи Италия

подража́тель *м* мукаллид, тақлидкор

подража́тельница *женск. к* **подража́тель**

подража́тельность *ж* тақлидӣ будан(и), тақлидона будан(и)

подража́тельн||ый, -ая, -ое (подража́те|лен, -льна, -льно) тақлидӣ, ...и тақлид, тақлидкорона; **~ые спосо́бности** истеъдоди тақлид; **~ая окра́ска** мувофиқи муҳит тағьир ёфтани ранги пуст; **~ая жи́вопись** расмкашии тақлидӣ, услуби тақлидкории расмкашӣ

подража́тельство *с неодобр.* тақлидкорӣ

подража́ть *несов. кому-чему* 1. (*брать пример*) тақлид (пайравӣ) кардан, ибрат гирифтан 2. (*передразнивать*) тақлид кардан, таклидкунон мазоҳ кардан; **~ пе́нию петуха́** ҷеғи хурусро тақлид кардан

подразде́л *м книжн.* қисми боб, фасл

подразделе́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **подраздели́ть**) таксим (ҳисса) кардан(и) 2. (*часть, доля*) қисм, қисмат, ҳисса, ҷузъ 3. *воен.* қисми ҳарбӣ

подраздели́ть *сов. кого-что* тақсим (ҳисса) кардан

подразделя́ть *несов. см.* **подраздели́ть**

подразделя́ться *несов.* 1. тақсим шудан, ба ҳиссаҳо ҷудо шудан 2. *страд.* тақсим (ҳисса) карда шудан

подра́знивать *несов. кого разг.* гоҳ-гоҳ масхара (тамасхур) кардан

подразни́ть *сов. кого* муддате масхара (тамасхур) кардан

подразумева́ть *несов. кого-что* зимнан дар назар доштан, зимнан фаҳмидан; хаёл (тахмин) кардан

подразумева́||ться *несов.* 1. худ ба худ (бешакку шубҳа) маълум будан, фаҳмида шудан; **что под э́тим ~ется?** дар зимни ин гапҳо чӣ фаҳмида мешавад? 2. *страд.* зимнан дар назар дошта шудан; тахмин карда шудан

подра́мник *м жив.* чорчубаи сураткашӣ (*барои таранг кашида шудани матоъ*)

подра́мок *м см.* **подра́мник**

подра́ненный, -ая, -ое 1. *прич.* андак захмдор кардашуда 2. *прил. охот.* андак захмдоршуда, маҷрӯҳ, ярадор; **~ за́яц** харгӯши маҷрӯҳ

подра́нивать *несов. см.* **подра́нить**

подра́ниваться *несов. страд.* андак захмдор карда шудан

подра́нить *сов. кого-что охот.* андак захмдор (маҷрӯҳ, ярадор) кардан

подра́нок *м охот.* сайди тирхӯрда, сайди маҷрӯҳ

подраста́ние *с* (*по знач. гл.* **подрасти́**) баланд шудан(и), боло шудан(и), қад кашидан(и); калон(тар) шудан(и), ба вояи расидан(и)

подраста́ть *несов. см.* **подрасти́**

подраста́ющ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* наврас; ~**ее поколе́ние** насли наврас; насли оянда

подрасти́ *сов.* 1. болотар (баландтар) шудан, бештар қад кашидан, қад ёзондан, қад рост кардан 2. калон(тар) шудан, ба воя расидан

подрасти́ть *сов. кого-что* парвариш (тарбият) кардан; ~ **дете́й** фарзандонро тарбият кардан; ~ **капу́стную расса́ду** кӯчатн карамро парвариш карда расондан

подра́ть *сов. прост.* 1. *что* кандан, пора-пора кардан, даррондан, булак-булак кардан 2. *кого-что* кашидан, лат кардан, задан; ~ **за́ уши** [аз] гӯш кашидан, гӯшмол додан; ~ **за вихо́р** аз мӯйсар кашидан 3. (*быстро побежать*) тохтан, гурехтан 4. *кого-что* (*растерзать — о хищных животных*) даррондан, кафондан, хӯрдан ◇ **чёрт подери́** сабил монад, сабилу саққо монад, бало занад

подра́ться *сов.* занозанӣ кардан, ҳамдигарро задан, даст ба гиребон шудан

подра́щивать *несов. см.* **подрасти́ть**

подребезжа́ть *сов.* замоне ҷарангос задан, муддате ҷаранг-ҷаранг кардан

подрёберн||ый, -ая, -ое тагиқабурға; ~**ые мы́шцы** мушакҳои тагиқабурға

подребе́рье *с анат.* таги қабурға

подрегули́ровать *сов. что разг.* андак дуруст (танзим) кардан, каме муназзам кардан; ~ **часы́** соатро андак дуруст кардан

подре́з *м* 1. (*у саней*) оҳантасмаи чана 2. (*у коньков*) теғаи коньки 3. (*несквозной надрез*) чокн рӯякӣ

подрё́з *м* 1. *см.* **подре́зка**; 2. ҷои кӯтоҳ кардашаванда, ҷои буриш

подреза́ние *с см.* **подре́зка**

подре́зать *сов.* 1. *что* бурида кутоҳ кардан, бурида ҷудо кардан; хомток кардан, перостан; ~ **виногра́дник** токро буридан; ~ **во́лосы** мӯйсарро бурида кутоҳ кардан // *перен. прост.* (*сократить*) кутоҳ кардан, буридан 2. *что* аз таг буридан; ~ **цветы́ в ва́зе** гулҳои гулдонро кӯтоҳ кардан 3. *кого-что перен. разг.* (*лишить сил, бодрости*) беқувват кардан, шикаст (зарба) додан, пар шикастан 4. *что, чего разг.* боз (барилова) буридан, боз пора (реза, майда) кардан; ~ **хле́ба** боз нон реза кардан, барилова нон буридан ◇ ~ **кры́лья** *кому* бол (пар) шикастан

подреза́ть *несов. см.* **подре́зать**

подре́зка *ж* (*по знач. гл.* **подре́зать** 1, 2, 4) бурида кӯтоҳ кардан(и); аз таг буридан(и)

подре́зни *мк. мн. обл.* чанаи оҳантасмадор

подрезно́й, -а́я, -о́е 1. ...и бурида кутоҳ кардан(и), барои бурида кӯтоҳ кардан хизматкунанда 2. (*имеющий подрез*) оҳантасмадор

подре́зывать *несов. см.* **подреза́ть**

по́дрезь *ж обл. см.* **по́дрез** 1, 3

подрема́ть *сов.* муддате пинак кардан, андак ғанаб бурдан, андак пинак карда гирифтан

подремонти́ровать *сов. что разг.* андак дуруст (таъмир) кардан, қисман тахт (шикасту рехт) кардан

подрё́мывать *несов. см.* **подрема́ть**

подреше́тина *ж стр.* болори (вассаи) бом

подреше́тить *сов. что стр.* болор мондан, васса чидан

подреше́тник *м стр.* болорҳои (вассаҳои) бом

подреше́чивать *несов. см.* **подреше́тить**

подреше́чиваться *несов. страд.* болор монда шудан

подрисова́ть *сов. что* дар расм тасҳеҳ даровардан, расмро дасткорӣ кардан

подрисо́вка *ж* (*по знач. гл.* **подрисова́ть**) тасҳеҳ кардани расм; барилова кашидани чизе

подрисо́вывание *с см.* **подрисо́вка**

подрисо́вывать *несов. см.* **подрисова́ть**

подрисо́вываться *несов. страд.* дар расм тасҳеҳ дароварда шудан

подро́бно *нареч.* муфассал(ан), батафсил; ~ **рассказа́ть** батафсил баён кардан

подро́бност||ь *ж* 1. муфассалӣ, тафсилнокӣ 2. тафсил, иҷирак-биҷирак, ҷузъиёт; **вда́ться в** ~**и** муфассал баён кардан, дохили (ғарқи) ҷузъиёт шудан; **войти́ в** ~**и** 1) (*вникнуть в детали*) муфассал омӯхтан 2) (*быть подробным в изложении чего-л.*) ба тафсил баён кардан

подро́бный, -ая, -ое (подро́б|ен, -на, -но) муфассал, батафсил; ~ **план** нақшаи муфассал

подровня́ть *сов. что* ҳамвор (рост, баробар) кардан; бурида баробар кардан; ~ **ряды́** сафҳоро баробар кардан

подровня́ться *сов.* саф кашида баробар шудан

подрожа́ть *сов. разг.* муддате (каме) ларзидан, андак пушт афшондан

подро́ст *м* ниҳоли ҷангали (наврас), навниҳол

подро́стков||ый, -ая, -ое бачагона, ...и хурдсолон; ~**ая о́бувь** пойафзоли бачагона

подро́сток *м* наврас, навбова (*писар ё духтари аз 12 то 16 сола*)

подруба́ть I, II *несов. см.* **подруби́ть** I, II

подруба́ться I *несов. страд.* аз таг бурида шудан

подруба́ться II *несов. страд.* лабгардон карда шудан (*либос*)

подруби́ть I *сов. что* 1. каме аз таг (аз бех) буридан; ~ **то́поль** ар-арро каме аз таг буридан 2. (*укоротить*) бурида кӯтоҳ кардан 3. *тж. чего разг.* боз буридан (кафондан), барилова буридан (кафондан) 4. *что горн.* аз таг кофтан, ковок кардан ◇ ~ **под ко́рень** *кого* теша ба решаи *касе* задан

подруби́ть II *сов. что* лабҳояшро дӯхтан, лабгардон кардан; ~ **носово́й плато́к** лабҳои рӯмолчаро дӯхтан

подру́бка I *ж* (*по знач. гл.* **подруби́ть** I) аз таг (аз бех) буридан(и); бурида кутоҳ кардан(и); барилова буридан(и)

подру́бка II *ж* (*по знач. гл.* **подруби́ть** II) лабҳояшро дӯхтан(и), лабгардон кардан(и)

подру́га *ж* дугона, рафиқа, дӯст; **шко́льная** ~ дугонаи мактабӣ ◇ ~ **жи́зни** *шутл.* рафиқаи ҳаёт, ҳамсар, завҷа

по-друго́му *нареч.* дигар хелтар (навътар), ба таври (ба тарзи) дигар; **сде́лайте** ~ ба таври дигар кунед

подруже́йн||ый, -ая, -ое *охот.* шикорӣ; ~**ые соба́ки** сагҳои шикорӣ

подру́женька *ж ласк. к* **подру́га** дугонаҷон

по-дру́жески *нареч.* дӯстона, аз рӯи дӯстӣ, рафиқона

подружи́||ть *сов.* 1. *кого* дӯст кардан 2. *разг. см.* **подружи́ться**

подружи́ться *сов.* дӯст (рафиқ) шудан; дӯстак шудан

подру́жка *ж ласк. к* **подру́га** дугонаҷон

подру́ливать *несов. см.* **подрули́ть**

подрули́||ть *сов.* 1. *что* гардондан, рондан, роҳ равондан, равона кардан: ~**ть шлю́пку к бе́регу** қаиқро ба сӯи соҳил равона кардан 2. расидан, омадан; **самолёт** ~**л к аэровокза́лу** самолёт ба аэровокзал омад

подрумя́нивать *несов. см.* **подрумя́нить**

подрумя́ниваться *несов.* 1. *см.* **подрумя́ниться**; 2. *страд.* бирьён карда шудан

подрумя́ни||ть *сов.* 1. *кого-что* андак сурх кардан, гулгун кардан; **со́лнце** ~**ло её щёки** офтоб рухсораҳояшро [андак] гулгун кардааст // (*подкрасить*) андак ғоза (сурхӣ) молидан 2. *что перен.* сурх кардан, зирбондан, бирьён кардан; ~**ть пирожки́** санбӯсаро сурх кардан

подрумя́ниться *сов.* 1. (*стать слегка румяным*) андак сурх шудан // (*подкраситься*) ба худ сурхӣ молидан, ба рӯй ғоза молидан 2. (*поджариться*) сурх (бирьён) шудан

подру́чник *м* 1. *ист.* зердаст, одами зердаст, тобеъ, одами фармонбардор 2. *тех.* такьяи дастгоҳи харротӣ

подру́чн||ый, -ая, -ое 1. тайёр, муҳайё, дар зери даст буда, заруриӣ, даркорӣ; ~**ый материа́л** лавозимоти даркорӣ (зарурӣ) 2. ёрирасон, мададгор, ёридиҳанда; ~**ые рабо́чие** коркунони ёрирасон // *в знач. сущ.* **подру́чный** *м* дастьёр, ёрдамчӣ, шогирд 3. (*о лошади*) аспи шатак, аспи аз паҳлу[и рост] басташуда

подры́в *м* (*по знач. гл.* **подорва́ть**) тарконииш, инфиҷор; бар бод додан(и), вайронкорӣ, зарраррасонӣ, халал расондан(и); (*по знач. гл.* **подорва́ться**) таркиш, тахриб; вайроншавӣ; ~ **авторите́та** резондани обрӯ

подрывание I *с* (*по знач. гл.* **подорвать**) таркониш; бар бод додан(и), вайронкорӣ, зараррасонӣ, халал расондан(и)

подрывание II *с* (*по знач. гл.* **подрыть**) аз таг кофтан(и), аз таг кандан(и), аз таг шикоф (ковок) кардан(и)

подрывать I *несов. см.* **подорвать**

подрывать II *несов. см.* **подрыть**

подрываться I *несов.* 1. *см.* **подорваться**; 2. *страд.* тарконда (вайрон карда) шудан

подрываться II *несов.* 1. *см.* **подрыться**; 2. *страд.* аз таг кофта шудан

подрывник *м* мутахассиси таркониш, мутахассиси тахрибу инфиҷор, тарконанда

подрывн||ой, -ая, -ое 1. ...и таркониш, ...и инфиҷор, тарконанда; **~ые работы** корҳои таркониш (инфиҷорӣ); **~ые мины** минаҳои тарконанда 2. *перен.* вайронкунанда, зараровар, тахрибӣ, зараррасон; **~ая деятельность** фаъолияти зараровар

подрыть *сов. что* аз таг кофтан (кандан), аз таг шикоф (ковок) кардан; **~ дерево** дарахтро аз таг кофтан

подрыться *сов. подо что* аз таги чизе кофта даромадан

подрыхлить *сов. что* андак (камтар) нарм (тит, мулоим, ковок) кардан

подрыхлять *несов. см.* **подрыхлить**

подряд I *м* пудрат, кутарабайъ, яклухтбайъ

подряд II *нареч.* пай дар пай, паси ҳам, пай дар ҳам, бефосила; **~ прозвучали выстрелы** садоҳои тир пай дар пай баромаданд // *чаще с мест. «все», «всё»* аз як сар, бефарқ, бетафовут, ҷудо накарда; **читать всё ~** ҳамаашро аз як сар хондан

подрядить *сов. кого-что* киро (байъ) кардан, шарт кардан, ба иҷора гирифтан; **~ грузчика** ҳаммол киро кардан

подрядиться *сов. с неопр. разг.* пудрат (кутарабайъ) карда гирифтан, киро (шарт) карда гирифтан

подрядничать *несов. уст. и прост.* бо корҳои яклухтбайъ машғул шудан, машғули корҳои пудрат (кутарабайъ) шудан

подрядн||ый, -ая, -ое ...и пудрат,... и кутарабайъ, ...и корн кутара; **~ые работы** корҳои кутарабайъ (пудратӣ)

подрядческ||ий, -ая, -ое *уст.* ...и пудратчи(гӣ), ...и кутарагир; **~ие интересы** манфиати пудратчигӣ

подрядчик *м* пудратчӣ, кутарагир, яклухтхар

подряжать *несов. см.* **подрядить**

подряжаться *несов.* 1. *см.* **подрядиться**; 2. *страд.* киро (байъ) карда шудан

подрясник *м церк.* камзули кашиш (*камзули дарози хонапушии остинбориики руҳониёни насоро, ки аз таги ҷома пушанд*)

подряхлеть *сов. разг.* пажмурда шудан, бедармон (беқувват) шудан, оҷиз (фарсуда) шудан

подсад *м сад., лес.* 1. *см.* **подсадка**; 2. ниҳолҳои шинондашуда (*дар байни дарахтони ҷинсашон дигар*)

подсадить *сов.* 1. *кого* савор кардан, савор карда мондан, шинондан, шинонда мондан, ба савор шудан ёрӣ додан; **~ на лошадь** ба асп савор карда мондан 2. *кого* (*поместить рядом*) ҳампаҳлу гузоштан, дар (аз) паҳлу ҷо додан, ба касе ҳамроҳ кардан 3. *что, чего* барилова шинондан, баризофа (боз) шинондан; **~ молодые деревья** боз ниҳол шинондан

подсадка *ж* (*по знач. гл.* **подсадить** 3) барилова (боз) шинондан(и); **~ вишни** барилова шинондани ниҳолҳои олуболу

подсаживание *с* (*по знач. гл.* **подсадить**) савор кардан(и), савор карда мондан(и), шинондан(и); барилова шинондан(и)

подсаживать *несов. см.* **подсадить**

подсаживаться *несов.* 1. *см.* **подсесть**; 2. *страд.* барилова шинонда шудан

подсаливание I *с* (*по знач. гл.* **подсолить**) шуртар кардан(и), барилова намак кардан(и), сернамактар кардан(и)

подсаливание II с (*по знач. гл.* **подсалить**) барилова равған андохтан(и), равғанмолии иловагӣ, серравғантар кардан(и)

подсаливать I *несов. см.* **подсолить**

подсаливать II *несов. см.* **подсалить**

подсаливаться I *несов.* 1. *см.* **подсолиться**; 2. *страд.* шуртар карда шудан

подсаливаться II *несов. страд.* барилова равған андохта шудан

подсалить *сов. что разг.* барилова равған андохтан, барилова равған молидан, серравғантар кардан

подсахаривать *несов. см.* **подсахарить**

подсахариваться *несов. страд.* шакар андохта шудан

подсахарить *сов. что* шакар (қанд) андохтан, андак шакар андохтан, ширинтар кардан

подсачивание I *с* (*по знач. гл.* **подсачить**) бо турхалтаи дастадароз доштани моҳӣ

подсачивание II *с* (*по знач. гл.* **подсочить**) пустлоқро чок кардан(и)

подсачивать I *несов. см.* **подсачить**

подсачивать II *несов. см.* **подсочить**

подсачиваться I *несов. страд.* бо турхалтаи дастадароз дошта шудан

подсачиваться II *несов. страд.* чок карда шудан

подсачить *сов. что рыб.* бо турхалтаи дастадароз доштан (*моҳиро*)

подсвет *м см.* **подсвечивание**

подсветить *сов. что* андак (каме) аз таг (аз поён) равшан кардан

подсвечивание *с* (*по знач. гл.* **подсветить**) аз таг равшан кардан(и)

подсвечивать *несов. см.* **подсветить**

подсвечиваться *несов. страд.* аз таг равшан карда шудан

подсвечник *м* шамъдон

подсвинок *м с.-х.* хукбача

подсвист *м* ҷур (ҳамроҳ) шуда ҳуштак кашидан(и), ҳуштаккашӣ, ушпулаккашӣ

подсвистеть *сов. см.* **подсвистывать** 1

подсвистнуть *сов. однокр. к* **подсвистывать**

подсвистывание *с* (*по знач. гл.* **подсвистывать**) ҷур шуда ҳуштак (ушпулак) кашидан(и), ҳуштак (ушпулак) кашидан(и); (*звуки*) ҳушт-ҳушт

подсвистывать *несов. кому-чему* 1. ҷур (ҳамроҳ) шуда ҳуштак (ушпулак) кашидан 2. оҳиста-оҳиста (ҳушт-ҳушт карда) ҳуштак кашидан 3. *кого охот.* ҳуштак кашида ҷеғ задан, бо ҳуштак ҷеғ задан

подсев *м* 1. (*по знач. гл.* **подсеять**) барилова коштан(и), боз андак коридан(и); дар байни зироати дигар коридан(и) 2. *с.-х.* кишти иловагӣ (баризофа), зироати барилова кошташуда

подсевание *с см.* **подсев** 1

подсевать(ся) *несов. см.* **подсеивать(ся)**

подсевн||ой, -ая, -ое *с.-х.* ...и кишти омехта, дар байни зироати дигар кошташуда

подсед *м* 1. *лес., с.-х., бот.* (*нижний ярус деревьев, трав*) буттаҳои таги дарахтон 2. тибити пашм 3. *скорн.* муйҳои миллиқ

подседельник *м* зертанг, шикамбанд, пуштанг, аил

подседельн||ый, -ая, -ое 1. саворӣ; **~ая лошадь** аспи саворӣ 2. ...и зери зин, дар таги зин буда, ...и таги зин; **~ый войлок** намади таги зин; **~ая рана** яғир, яраи таги зин 3. зинро маҳкамдоранда; **~ый ремень** аил, пуштанг, зертанг

подседлать *сов. кого* зин кардан (бастан); **~ лошадь** аспро зин бастан

подсёдлывать *несов. см.* **подседлать**

подсёдлываться *несов. страд.* зин карда шудан

подсеивать *несов. см.* **подсеять**

подсеиваться *несов. страд.* барилова кошта шудан

подсека *ж. с.-х.* (*расчищенное место для пашни*) замини кундаковшудаи бешазор

подсекание *с см.* **подсечка**

подсекать *несов. см.* **подсечь**

подсекаться *несов.* 1. *см.* **подсечься**; 2. аз таг бурида шудан

подсекция *ж* шуъбача, қисмча, қисми шуъба

подселить *сов. кого-что* ба хона шинондан, сокин кунондан, ҷой додан, ҷойгир кардан

подселять *несов. см.* **подселить**

подсемейство *с биол.* оилаи фаръӣ (*дар тақсимоти ҳайвонот ва набобот*)

подсеребрить *сов. что* як қадар симандуд кардан, андак ҳалли нуқра давондан, нуқраандуд кардан

подсесть *сов.* дар паҳлуи касе нишастан, наздиктар нишастан; ҳамсафар шудан, ҳамроҳ шудан

подсечка *ж* (*по знач. гл.* **подсечь**) бурида кундаков кардан(и), аз таг буридан(и); решаков кардан(и); бо шаст кашидан(и)

подсечн||ый, -ая, -ое ...и замини кундаковшудаи бешазор; **~ое земле-**

де́лие зироаткорӣ дар замини кундаковшудаи бешазор

подсе́чь *сов.* 1. *что* решаков кардан, аз бех буридан, аз таг буридан; ~ **цвето́к косо́й** гулро бо пойдос аз бех буридан 2. *что* кундаков кардан (*барои кишт*) 3. *кого-что и без доп. рыб.* сахт кашидан, бо зур (бо шаст) кашидан, шастро якбора сахт кашидан ◇ ~ **кры́лья** *кому* бол (пар) шикастан; ~ **под ко́рень** *кого* теша ба решаи *касе* задан

подсе́чься *сов.*: **у неё но́ги подсекли́сь** мадори пойҳояш хушк шуд, пойҳояш бемадор шуданд

подсе́ять *сов.* 1. *что, чего* барилова (баризофа) коштан, боз андак (зиёдтар, бештар) коридан; ~ **ячменя́** боз андак ҷав коридан 2. *что* дар байни зироати дигар *чизе* коридан

подсиде́ть *сов. кого* 1. *охот.* поида паррондан, камин гирифта доштан (ба даст афтондан); ~ **за́йца** ба шикор рафта як харгушро поида паррондан 2. *перен. прост.* ба коре зарар расондан; кореро бо дасиса вайрон (хароб) кардан

подси́живание *с* (*по знач. гл.* **подсиде́ть** 2) зараррасонӣ; дасиса, фитна

подси́живать *несов. см.* **подсиде́ть**

подси́живаться *несов. страд.* зарар расонда шудан

подси́нивание *с* (*по знач. гл.* **подсини́ть**) кабуд (нилобӣ) кардан(и), ранги нилобӣ задан(и)

подси́нивать *несов. см.* **подсини́ть**

подси́ниваться *несов.* 1. *см.* **подсини́ться**; 2. *страд.* кабуд карда шудан

подсини́ть *сов. что* кабуд (нилобӣ) кардан, ранги нилобӣ задан; ~ **бельё** либоси тагро кабуд кардан

подсини́ться *сов.* кабуд (нилоби) шудан

подси́нька *ж разг. см.* **подси́нивание**

подска́бливать *несов. см.* **подскобли́ть**

подска́бливаться *несов. страд.* андак тарошида шудан

подсказа́||ть *сов. что и без доп.* 1. луқма додан, пинҳонӣ (оҳиста) гуфтан, пинҳонӣ гуфта додан; ~**ть на уро́ке** дарсро пинҳонӣ гуфта додан 2. *перен.* ба фикр (ба ёд) овардан, илқо (талқин) кардан, ба илҳом овардан; **слу́чай** ~**л мне пра́вильное реше́ние** ҳодисаи тасодуфӣ ҳалли дурусти ин масъаларо ба фикрам овард

подска́зк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **подсказа́ть**) луқма додан(и), пинҳонӣ гуфтан(и); **сде́лать замеча́ние за** ~**у** барои луқма додан танбеҳ кардан 2. луқма; **отвеча́ть по** ~**е** аз руи луқма ҷавоб додан

подска́зчик *м разг.* луқмапарто, луқмадиҳанда, пинҳонигуянда

подска́зчица *женск. к* **подска́зчик**

подска́зывать *несов. см.* **подсказа́ть**

подска́зываться *несов. страд.* ба фикр оварда шудан

подскака́ть *сов.* аспдавон (асптозон) омадан, чорхез омадан, чорхез карда омадан, асп давонда омадан

подска́кивать *несов.* 1. *см.* **подскака́ть**; 2. *см.* **подскочи́ть**

подскобли́ть *сов. что* андак тарошидан, харошидан; ~ **бу́кву** ҳарфро тарошидан

подско́к *м* ҷаҳиш, хез задан(и)

подскочи́||ть *сов.* 1. ҷаҳидан, ҷастан, хез задан, паридан; **он** ~**л от ра́дости** вай аз хурсандӣ ҷаҳид 2. давон омадан (рафтан, расидан), хез зада омадан (рафтан, расидан); ~**ть к окну́** хез зада ба пеши тиреза рафтан 3. *перен. разг.* якбора баланд шудан (боло гирифтан); **у больно́го температу́ра** ~**ла** ҳарорати касал якбора баланд шуд

подскреба́ть *несов. см.* **подскрести́**

подскрести́ *сов. что разг.* тарошида (харошида) тоза кардан; тарошида ҷамъ кардан, тарошида туда (туб) кардан

подсласти́ть *сов. что* ширинтар кардан; ҷизак (ҷиз-ҷизак) додан ◇ ~ **пилю́лю** бо лафзи нарм носазо гуфтан

подсла́щивать *несов. см.* **подсласти́ть**

подсла́щиваться *несов. страд.* ширинтар карда шудан

подсле́дственн||ый, -ая, -ое таҳти тафтишбуда, тергавшаванда, таҳти тергавбуда // *в знач. сущ.* **подсле́дственный** *м*, **подсле́дственная** *ж* тафтишшаванда, тергавшаванда; ~**ое отделе́ние** шуъбаи тафтишшавандагон

подслепова́тость *ж* хирачашмӣ, нимкурӣ, оҷизии чашм

подслепова́т||ый, -ая, -ое (подслепова́т, -а, -о) 1. хирачашм, оҷизчашм, нимкур 2. *перен.* майдатиреза, ...и тирезаҳояш хурд-хурд; ~**ая избу́шка** кулбаи майдатиреза

подслу́живаться *несов. см.* **подслужи́ться**

подслужи́ться *сов. к кому разг.* бо косалесӣ (бо лаганбардорӣ, бо тамаллуқ) дили *касеро* ёфтан

подслу́шать *сов. кого-что* пинҳонӣ (поида) гуш кардан; тасодуфан (ногаҳон) шунидан; **случа́йно** ~ **че́й-л. разгово́р** тасодуфан суҳбати дигаронро шунидан

подслу́шивание *с* (*по знач. гл.* **подслу́шать**) пинҳонӣ (поида) гуш кардан(и)

подслу́шивать *несов. см.* **подслу́шать**

подслу́шиваться *несов. страд.* пинҳонӣ (поида) гуш карда шудан

подсма́ливать *несов. см.* **подсмоли́ть**

подсма́ливаться *несов. страд.* аз таг (боз) қатрон молида шудан

подсма́тривание *с* (*по знач. гл.* **подсмотре́ть**) пинҳонӣ (махфӣ) нигоҳ кардан(и)

подсма́тривать *несов. см.* **подсмотре́ть**

подсме́иваться *несов. над кем-чем* ришханд (писханд) кардан

подсмоли́ть *сов. что* аз таг қир (қатрон, зифт) молидан; боз қир (қатрон, зифт) молидан; ~ **ло́дку** таги қаиқро бо қир боз молидан

подсмотре́ть *сов. кого-что, за кем-чем* пинҳонӣ (махфӣ, поида) нигоҳ кардан; тасодуфан (ногаҳон) дидан

подсне́жник *м бот.* бойчечак, гули баҳман

подсне́жн||ый, -ая, -ое зерибарфӣ, ...и зери барф, ...и таги барф; ~**ый лёд** яхи таги барф; ~**ая клю́ква** клюкваи аз таги барф чидашуда

подсоби́ть *сов. кому-чему прост.* ёрмандӣ (кумак) кардан

подсобля́ть *несов. см.* **подсоби́ть**

подсо́бн||ый, -ая, -ое кӯмаккунанда, ёридиҳанда, ёрмандикунанда, ёрирасон; ~**ые мастерски́е** корхонаҳои ёридиҳанда; ~**ая си́ла** қувваи ёридиҳанда (ёрирасон); ~**ый рабо́чий** коргари ёридиҳанда, ёрдамчӣ; ~**ые помеще́ния** биноҳои (хонаҳои) иловагӣ

подсо́вывать *несов. см.* **подсу́нуть**

подсозна́ние *с* тасаввурот ва ҳиссиёти норавшан

подсозна́тельность *ж* бешуурона будан(и)

подсозна́тельный, -ая, -ое (подсозна́те|лен, -льна, -льно) беихтиёрона, бешуурона; ~ **страх** тарси бешуурона

подсо́ка *ж лес.* чоки пӯстлоқи дарахт

подсократи́ть *сов. что разг.* андак мухтасар (ихтисор) кардан, андак кӯтоҳ (қатъ) кардан

подсокраща́ть *несов. см.* **подсократи́ть**

подсо́л *м* (*по знач. гл.* **подсоли́ть**) шуртар кардан(и), боз андохтани намак, сернамактар кардан(и); ~ **ры́бы** сернамактар кардани моҳӣ

подсоли́ть *сов. что* шуртар кардан, боз намак андохтан, сернамактар кардан, намакашро баландтар кардан

подсоли́||ться *сов. разг.* шӯртар шудан, сернамактар шудан; **грибы́** ~**лись** намаки занбуруғҳо баландтар шуд, занбуруғҳо сернамактар шуданд

подсо́лка *ж см.* **подсо́л**

подсо́лнечник *м* гули офтобпараст, офтобпараст

подсо́лнечн||ый I, -ая, -ое ...и офтобпараст, ...и тухми офтобпараст; ~**ое ма́сло** равғани тухми офтобпараст

подсо́лнечн||ый II, -ая, -ое 1. офтобруя, офтобру; ~**ая сторона́** тарафи офтобруя 2. *уст. поэт.* дуньёӣ, ...и олам, ...и замин

подсо́лнух *м* 1. *см.* **подсо́лнечник**; 2. *мн.* **подсо́лнухи** (*семена*) тухми офтобпараст

подсортирова́ть *сов. что разг.* андаке хел-хел кардан, ба хелҳо (навъҳо) ҷудо кардан, андаке сара аз носара ҷудо кардан

подсо́сн||ый, -ая, -ое *с.-х.* маконанда; макидашаванда, қобили макидан; ~**ая кобы́ла** байтали маконанда, модиёни ширдеҳ // маканда, синамак, ширмак; аз шир набаромада; ~**ые теля́та** гӯсолаҳои ширмак

подсо́сок *м с.-х.* бачаи ширмаки ҳайвон

подсо́х||нуть *сов.* каме хушк (қоқ) шудан, андак хушктар (қоқтар) шудан; **доро́га** ~**ла** роҳ андак хушк шуд

подсочи́ть *сов. что лес.* пустлоки дарахт чок кардан *(барои гирифтани шираи он)*

подсо́чка *ж (по знач. гл.* **подсочить**) чок кардани пустлоки дарахт

подсо́чн||ый, -ая, -ое *лес.* ...и чок кардани пустлоки дарахт; **~ое хозя́йство** хоҷагии шираи дарахтгирӣ

подспо́рье *с разг.* ёрӣ, кумак, ёрмандӣ

подспу́дн||ый, -ая, -ое *книжн.* пинҳони, маҳфуз, ноаён; **~ая трево́га** хаяҷони норавшан (ноаён)

подста́ва *ж уст.* аспҳои роҳвар, аспҳои чопорӣ

подста́вить *сов.* 1. *что* ба таг мондан (ҷойгир кардан), ба зер гузоштан, мондан, гузоштан; **~ ведро́ под кран** сатилро ба таги ҷуммак мондан; **~ подпо́рку к забору** ба девор танба мондан 2. *что* наздик кардан. аз паҳлу гузоштан, ба пеш мондан; **~ стул к окну́** курсиро наздики тиреза мондан; 3. *кого-что* дастрас кардан; **~ свой фланг под уда́р** як паҳлуи лашкарро таҳти хавфи зарба гузоштан 4. *кого-что* иваз (бадал) кардан, табдил додан, гузоштан; **~ чи́сла в бу́квенное выраже́ние** ба ҷои харф рақам гузоштан ◇ **~ но́гу (но́жку)** *кому* 1) пешпо додан 2) фиреб (фанд) додан, ба вазъияти ноҳинҷор (ногувор) монондан

подста́вка *ж* тиргак, такья; сутунча; **подпереть сте́ну ~ми** ба девор такьяҳо гузоштан // поя, курсӣ, чорпоя; **~ для утюга́** уттимонак; **~ для цвето́в** пояи тубаки гул

подставля́ть *несов. см.* подставить

подставля́ться *несов. страд.* ба зер гузошта шудан

подставн||о́й, -ая, -ое 1. аз таг (аз зер) гузошташаванда, аз поин мондашаванда; аз паҳлу гузошташаванда, иловагӣ; **~а́я ле́сенка** нардбон; **~о́й стул в театре** курсии иловагӣ дар театр 2. *перен.* ғайр, ғайри ҳақиқӣ, сохта, ба ҷои касе гузошташуда; **~о́е лицо́** каси ба ҷои шахси дигар гузошташуда 3. *уст.* тайёр, роҳвар, чопорӣ *(дар бораи асп)*

подста́вочный, -ая, -ое ...и такъя; ...и поя

подстака́нник *м* стаканмонак; **серебряный ~** стаканмонаки нукра

подстано́вка *ж (по знач. гл.* **подста́вить** 4) иваз (бадал) кардан(и), табдил додан(и), гузориш; **~ чи́сел в уравне́ние** гузориши ададҳо ба муодила

подста́нция *ж* 1. станцияи фаръӣ *(станцияи хурде, ки шиддати ҷараёни электррo тағьир медиҳад)* 2. *(промежуточная телефонная станция)* станцияи мобайнии телефон

подстега́ть *сов. что разг.* пахта андохта лаганда кардан

подстёгивать I *несов. см.* **подстега́ть**

подстёгивать II, III *несов. см.* **подстегнуть** I, II

подстёгиваться I *несов. страд.* лаганда карда шудан

подстёгиваться II *несов. страд.* [бо сагак] баста шудан

подстегну́ть I *сов. что разг.* [бо сагак] бастан, бо сузани бандак [бо тугма] банд кардан, васл (илҳоқ) кардан

подстегну́ть II *сов. кого* камчин (тозиёна) задан, тозиёна зада шитобонидан; **~ коня** аспро тозиёна задан // *перен. разг.* шитобонидан, ба шитоб андохтан

подстели́ть *сов. прост. см.* **подостла́ть**

подстерега́ть *несов. см.* **подстере́чь**

подстерега́ться *несов. страд.* пинҳонӣ дастгир кардан(и)

подстере́чь *сов. кого-что* поида (пинҳонӣ) дастгир кардан, таъқиб карда ба даст афтондан; **~ лиси́цу** рубоҳро таъқиб карда ба даст афтондан

подсти́л *м см.* **подсти́лка**

подстила́ть *несов. см.* **подостла́ть**

подстила́ться *несов. страд.* густурда шудан

подсти́лка *ж* 1. *(по знач. гл.* **подостла́ть**) густурдан(и) 2. фарш; **мя́гкая ~** фарши нарм

подсти́лочный, -ая, -ое ...и фарш, фаршбоб, густурдашаванда; **~ материа́л** матои фаршбоб

подсто́лье *с* пояҳо ва чорчӯбаи миз

подстора́живать *несов. см.* **подсторожи́ть**

подсторожи́ть *сов. прост. см.* **подстере́чь**

подстра́гивать *несов. см.* **подстрога́ть**

подстра́гиваться *несов. страд.* тарошида шудан

подстра́ивание *с (по знач. гл.* **подстро́ить**) ба паҳлуи (ба шафати) *чизе* сохтан(и); ба паҳлуи *чизе* саф кашондан(и); ҷур (соз) кардан(и); *(по знач. гл.* **подстро́иться**) сохтани хонаи худ ба паҳлуи (ба шафати) чизе; дар як қатор саф оростан(и)

подстра́ивать *несов. см.* **подстро́ить**

подстра́иваться *несов.* 1. *см.* **подстро́иться**; 2. *страд.* ба паҳлуи чизе сохта шудан

подстра́чивать *несов. см.* **подстрочи́ть**

подстра́чиваться *несов. страд.* нуг ба нуг духта шудан

подстрека́тель *м* иғвогар, таҳриккунанда, фитнагар, балвогар, барангезанда

подстрека́тельница *женск. к* **подстрека́тель**

подстрека́тельство *с* иғвогарӣ, фитнаангезӣ, таҳрик, васваса, шӯр андохтан(и)

подстрека́ть *несов. см.* **подстрекну́ть**

подстрека́ться *несов. страд.* иғво (таҳрик) карда шудан

подстрекну́ть *сов.* 1. *кого-что* иғво (таҳрик) кардан, ба шӯр андохтан, барангехтан; **~ к ссо́ре** ҷанг (мунокиша) кунондан 2. *что* зиёд кардан, қувват додан; **~ чьё-л. любопы́тство** ҳисси кунҷковии касеро бедор кардан

подстре́ливать *несов. см.* **подстрели́ть**

подстре́ливаться *несов. страд.* захмдор (маҷрӯҳ) шудан

подстрели́ть *сов. кого* парронда захмдор кардан, бо тир зада афтондан, маҷрӯҳ кардан; **~ медве́дя** хирсро парронда захмдор кардан; **~ лань** оҳуро маҷрӯҳ кардан

подстрига́ние *с (по знач. гл.* **подстри́чь**) бо қайчӣ (бо миқроз) кутоҳ кардан(и), қайчӣ кардан(и); тахт кардани мӯйсар

подстрига́ть *несов. см.* **подстричь**

подстрига́ться *несов.* 1. *см.* **подстри́чься**; 2. *страд.* бо қайчӣ кутоҳ карда шудан

подстри́жка *ж см.* **подстрига́ние**

подстри́чь *сов. что* қайчӣ кардан (задан), бо қайчӣ (бо миқроз) гирифтан, бо қайчӣ кутоҳ кардан; **~ но́гти** нохун гирифтан // *кого* мӯйсарро кӯтоҳ (тахт) кардан; **~ ма́льчика** муи сари бачаро тахт кардан

подстри́чься *сов.* муи сари худро кутоҳ (тахт) кунондан, муйсар гирондан

подстрога́ть *сов. что* андак ранда кардан, каме тарошидан, тарошида ҳамвор кардан; **~ до́ску** тахтаро андак ранда кардан

подстро́ить *сов. что* 1. ба паҳлуи (ба шафати) *чизе* сохтан; **~ вера́нду к до́му** ба паҳлуи хона айвон сохтан 2. *воен.* ба паҳлуи *чизе* саф кашондан 3. *муз.* ҷур (соз) кардан; **~ гита́ру под роя́ль** гитараро ба рояль ҷур кардан 4. *перен.* пинҳонӣ дасиса кардан, бадӣ кардан; **~ па́кость кому́-л.** ба касе бадӣ кардан

подстро́иться *сов.* 1. *разг.* хонаи худро ба паҳлуи (ба шафати) чизе сохтан 2. *воен.* дар як қатор саф оростан; **~ к ле́вому фла́нгу** аз ҷониби чап ба саф ҳамроҳ шудан 3. *разг.* ҷафс шудан, ҳамроҳ шудан

подстро́йка *ж см.* **подстраивание**

подстропи́льный, -ая, -ое *стр.* ...и зери болор

подстрочи́ть *сов. что* бахия карда часпондан, нуг, ба нуг духтан

подстро́чник *м* тарҷумаи сатр ба сатр, тарҷумаи таҳтуллафзӣ; **~ стихотворе́ния** тарҷумаи сатр ба сатри шеър

подстро́чн||ый, -ая, -ое 1. дар таги матн навишташуда, дар зери матнбуда; ..и поёни саҳифа; **~ое приме-ча́ние** эзоҳи поварақ; эзоҳи поёни саҳифа 2. сатр ба сатр, калима ба калима; **~ый перево́д** тарҷумаи сатр ба сатр

подструга́ть *сов. см.* **подстрогать**

подстру́гивать *несов. см.* **подструга́ть**

по́дступ *м* 1. *(по знач. гл.* **подступи́ть**) наздик шудан(и), наздик омадан(и); муроҷиат кардан(и); **к нему́ и ~у нет** имконияти ба вай наздик шудан нест, дасти касе ба домани у намерасад 2. *чаще мн.* **по́дступы** *воен.* даромадгоҳ, остона, назди...; **бой на ~ах к го́роду** ҷангҳои назди шаҳр

подступа́ть *несов. см.* **подступи́ть**

подступа́ться *несов. см.* **подступи́ться**

подступи́||ть *сов. к кому-чему* 1. наздик шудан (омадан) // ҳуҷумкунон наздик омадан; **неприя́тель ~л к го́роду** душман ба шаҳр ҳуҷумкунон наздик

омад 2. *разг.* мурочиат кардан, наздик омадан, рӯ ба ру шудан; **к нему сегодня не ~ть** имруз илочи ба вай наздик шудаи нест 3. *в сочет. со словами «к горлу», «к сердцу», «под сердце»* пайдо (падидор, зоҳир) шудан; **слёзы ~ли к горлу** гирья гулугир мекунад

подступиться *сов. см.* **подступить** 2

подсудимая *женск. к* **подсудимый**

подсудим||ый *м* айбдор; **допрашивать ~ого** айбдорро истинтоқ кардан ◇ **сесть на скамью ~ых** ба курсии сиёҳ нишастан, ба курсии айбдорон нишастан

подсудн||ый, -ая, -ое (подсуд|ен, -на, -но) *юр.* ба муҳокимаи суд оид, қобили додрасӣ; **~ое дело** кори қобили муҳокимаи суд

подсумок *м воен.* тирдон, ҳамьёни чармини тир, қапчуқи тирмонӣ

подсумочный, -ая, -ое ...и тирдон, ...и ҳамьёни тирандозӣ , ...и қапчуқи тирмонӣ

подсунуть *сов. кого-что* 1. ба таг тиққондан (гузоштан, мондан) 2. номаълум (ноаён, пинҳонӣ) гузоштан

подсурьмить *сов. что* сурма мондан (кашидан, молидан)

подсурьмиться *сов.* ба чашми худ сурма кашидан

подсучивать *несов. см.* **подсучить**

подсучить *сов. что* 1. тофта илова (ҳамроҳ) кардан 2. *разг.* андак барзадан, қат кардан, боло кардан; **~ рукава** остин барзадан

подсушивать *несов. см.* **подсушить**

подсушиваться *несов.* 1. *см.* **подсушиться**; 2. *страд.* нимхушк карда шудан

подсушить *сов. что* 1. нимхушк кардан, андак хушкондан (хушк кардан); **~ промокшую одежду** либоси тарро нимхушк кардан 2. *кул.* қоқ (синга) кардан

подсушиться *сов.* 1. нимхушк шудан, андак хушк (хушктар) шудан 2. *кул.* қоқ (синга) шудан

подсушка *ж* (*по знач. гл.* **подсушить**) нимхушк кардан(и)

подсчёт *м* 1. (*по знач. гл.* **подсчитать**) ҳисоб кардан(и), шумурдан(и), чамъбаст кардан(и); **~ голосов** ҳисоб кардани овозҳо (раъйҳо) 2. *мн.* **подсчёты** ҳисоб, чамъбаст, ҳисобу китоб; **по предварительным ~ам** аз рӯи ҳисобу китоби хомакӣ

подсчитать *сов. кого-что* шумурдан, ҳисоб (ҳисобу китоб, чамъбаст) кардан; **~ доходы** даромадро чамъбаст кардан; **~ расходы** харчро ҳисобу китоб кардан

подсчитывать *несов. см.* **подсчитать**

подсчитываться *несов. страд.* шумурда шудан, ҳисобу китоб карда шудан

подсылать *несов. см.* **подослать**

подсылаться *несов. страд.* пинҳонӣ (махфӣ) фиристода шудан

подсылка *ж* (*по знач. гл.* **подослать**) *разг.* пинҳонӣ фиристодан(и)

подсыпать *сов. что, чего* баризофа (барилова) рехтан, барилова пошидан (андохтан); **~ соли в суп** намаки шурборо баландтар кардан; ба шурбо барилова намак андохтан // пинҳонӣ (ноаён, махфӣ) рехтан, пинҳонӣ андохтан (пошидан); **~ яду** пинҳонӣ заҳр андохтан

подсыпать *несов. см.* **подсыпать**

подсыпаться *сов.* рехтан, пош хурдан

подсыпаться *несов.* 1. *см.* **подсыпаться**; 2. *страд.* баризофа рехта шудан, барилова пошида шудан

подсыпка *ж разг.* (*по знач. гл.* **подсыпать**) барилова (баризофа) рехтан(и), барилова пошидан(и)

подсыре||ть *сов. разг.* андак тар (мартуб) шудан, каме нам кашидан (шудан); **дрова ~ли** тароша каме нам кашидааст

подсыхать *несов. см.* **подсохнуть**

подтаивать *несов. см.* **подтаять**

подталкивание *с* (*по знач. гл.* **подтолкнуть**) оҳиста тела додан(и); нӯққӣ кардан(и); тарғиб (ташвиқ) кардан(и), ба роҳ даровардан(и)

подталкивать *несов. см.* **подтолкнуть**

подталкиваться *несов. страд.* оҳиста тела дода шудан

подтанцовывать *несов.* бар оҳанги рақс пой мондан (куфтан)

подтапливание *с* (*по знач. гл.* **подтопить** I) андак алав кардан(и), каме тафсондан(и), каме гарм кардан(и)

подтапливать I, II *несов. см.* **подтопить** I, II

подтапливаться I *несов. страд.* андак гарм карда шудан

подтапливаться II *несов. страд.* камтар об карда шудан

подтаскать *сов. что, чего прост.* якчанд бор кашола карда овардан; барилова кашонда овардан

подтаскивать *несов. см.* **подтащить** *и* **подтаскать**

подтаскиваться *несов.* 1. *см.* **подтащиться**; 2. *страд.* кашолакунон оварда шудан, кашонда шудан

подтасовать *сов. что* 1. *карт.* бо мақсади фиреб қарта омехтан, бо фиреб тагуруй кардан 2. *перен.* қасдан таҳриф кардан; **~ факты** фактҳоро таҳриф кардан

подтасовка *ж* (*по знач. гл.* **подтасовать**) бо мақсади фиреб омехтани қартаҳо, бо фиреб тагуруй кардани қартаҳо, таҳрифи барқасд, қасдан таҳриф кардан(и); **~ фактов** таҳрифи фактҳо

подтасовщик *м неодобр.* таҳрифкунанда, таҳрифкор

подтасовывание *с см.* **подтасовка**

подтасовывать *несов. см.* **подтасовать**

подтасовываться *несов. страд.* таҳриф карда шудан

подтачать *сов. что* тагдузӣ кардан, аз таг духтан, духта часпондан

подтачивать I *несов. см.* **подтачать**

подтачивать II *несов. см.* **подточить**

подтачиваться I *несов. страд.* тагдузӣ карда шудан

подтачиваться II *несов. страд.* аз дарун иобуд карда шудан; тез карда шудан

подтащить *сов. кого-что* кашолакунон (кашон-кашон) овардан, кашонда овардан; **~ брёвна к сараю** ғулачӯбҳоро ба ҳезумхона кашола карда овардан

подтащиться *сов. разг.* кашола шуда омадан, афтону хезон омадан, ба зур омадан

подтая||ть *сов.* аз таг об шудан, об шуда шоридан; камтар об шудан, об шудан; **лёд ~л** ях об шуд

подтвердительн||ый, -ая, -ое тасдиқкунанда, собиткунанда, шаҳодатӣ; **~ое письмо** мактуби тасдиқкунанда (таъкидӣ)

подтверди||ть *сов. что и без доп.* тасдиқ (собит, таъкид) кардан, далел овардан, шаҳодат додан; **~ть ранее сказанное** гуфтаҳои авваларо тасдиқ кардан; **~ть получение повестки** расидани огоҳномаро тасдиқ кардан; **наступившее потепление ~ло прогноз погоды** гарм (нарм) шудани ҳаво тахминҳои пешакиро тасдиқ кард

подтверди||ться *сов.* тасдиқ (исбот) шудан, рост (дуруст) баромадан; **его предположения ~лись** тахмини ӯ дуруст баромад

подтверждать *несов. см.* **подтвердить**

подтверждаться *несов.* 1. *см.* **подтвердиться**; 2. *страд.* тасдиқ (исбот) карда шудан

подтверждение *с* 1. (*по знач. гл.* **подтвердить**) тасдиқ, таъкид; собит кардан(и), далел овардан(и), шаҳодат додан(и) 2. тасдиқ, исбот, далел, шаҳодат; **в ~ сказанного** барои нсботи суханҳои гуфташуда

подтёк *м* доғ; доғи кабуд (*натиҷаи лату зарб*)

подтекание *с* (*по знач. гл.* **подтечь** 1) шорида даромадан(и)

подтека||ть *несов.* 1. *см.* **подтечь** 1; 2. *прост.* шикоф шудан, обрав шудан; **бочка ~ет** чалак обрав шуд

подтекст *м* маънии ботинӣ (ниҳонӣ), маънои ботинии сухан (матн)

подтекстовка *ж муз.* 1. таснифи матни суруд 2. матни (мазмуни) суруд

подтёлок *м обл.* ҷавона, гусолаи яксола

подтереть *сов. что* пок (тоза) кардан; **~ пролитое молоко** шири рехтаро пок кардан; **~ полы мокрой тряпкой** тахтафаршро бо латтаи тар тоза кардан

подтереться *сов. прост.* худро пок кардан

подтесать *сов. что* тарошида суфта кардан, ранда кардан, тарошидан; **~ доску** тахтаро тарошида суфта кардан

подтёсывание *с* (*по знач. гл.* **подтесать**) тарошида суфта кардан(и), ранда кардан(и), тарошидан(и)

подтёсывать *несов. см.* **подтесать**

подтёсываться *несов. страд.* тарошида шудан

подте||чь *сов.* 1. шорида даромадан, шоридан, рехтан; **вода ~кла под стол** об ба таги миз шорид (шорида даромад) 2. *разг.* (*припухнуть*) кабуд шуда варам кардан

подтирание *с* (*по знач. гл.* **подтереть**) пок(тоза) кардан(и), хушк кардан(и)

подтира́ть *несов. см.* **подтере́ть**

подтира́ться *несов.* 1. *см.* **подтере́ться;** 2. *страд.* пок карда шудан

подти́рка *ж прост.* 1. *см.* **подтира́ние;** 2. латтаи поккунак (фаршшуяк)

подто́к *м (по знач. гл.* **подте́чь** 1) шорида даромадан(и)

подтолкну́ть *сов. кого-что* 1. охиста тела додан, нихта кардан; нуккӣ кардан; ~ **бревно́** ғулачубро оҳиста тела додан; ~ **кого́-л. ло́ктем** бо оринҷ касеро нихта кардан 2. *перен.* тарғиб (ташвиқ, таҳрик) кардан, барангехтан

подтопи́ть I *сов. что* андак алав кардан (мондан), каме тафсондан, каме гарм кардан; ~ **пе́чку** печкаро андак алав кардан

подтопи́ть II *сов. что, чего* камтар об кардан; ~ **ма́сла** камтар равған об кардан

подтопи́ть III *сов. что* қисман ба об ғӯтондан, қисман зери об монондан

подто́пка *ж* 1. *(по знач. гл.* **подтопи́ть** I) *разг.* андак алав кардан(и), каме тафсондан(и) 2. *обл. (растопка)* печгирон, печдаргирон 3. *обл.* печкача, печкачаи иловагӣ *(дар паҳлуи печи русӣ)*

подто́пок *м см.* **подто́пка** 3

подтопта́ть *сов. кого-что* помол (лагадкуб, таги по) кардан

подтора́чивать *несов. см.* **подторочи́ть**

подтора́чиваться *несов. страд.* ба пушти зин баста шудан

подто́ржье *с уст.* арафаи бозор, шаби рӯзи бозор, бегоҳи бозор

подторма́живать *несов. см.* **подтормози́ть**

подтормози́ть *сов. что и без. доп.* суръати ҳаракатро кам кардан, ҳаракатро сусттар кардан, андак тормоз додан

подторочи́ть *сов. что воен., охот.* ба пушти (ба ақиби) зин бастан

подточи́||ть *сов.* 1. *что* аз дарун пусондан (хӯрдан), аз дарун нобуд кардан, хӯрда кардан; ~**ть ко́рни** решаҳоро хӯрда кардан // *(размыть)* охиста-охиста шуста бурдан, аз таг кофтан // *кого-что перен.* заиф (бемадор) кардан, хоидан; **боле́знь** ~**ла его́** касалӣ уро заиф кард 2. *что* тез кардан, чарх занондан, қайроқ кардан; ~**ть нож** кордро тез кардан ◇ **кома́р но́са (но́су) не подто́чит** *погов.* касе ғинги гуфта наметавонад

подтрави́ть *сов. что* 1. баризофа тезоб хӯрондан, барилова тезоб додан 2. *разг.* андак заҳролуд кардан

подтра́вливать *несов. см.* **подтрави́ть**

подтра́вливаться *несов. страд.* барилова тезоб дода шудан

подтру́нивание *с (по знач. гл.* **подтруни́ть)** писханд (ҳазл) кардан(и), ришханд (таъна) задан(и)

подтру́нивать *несов. см.* **подтруни́ть**

подтруни́ть *сов. над кем-чем* писханд (ҳазл) кардан, ришханд (таъна) задан; ~ **над това́рищем** ба рафиқ ришханд задан

подтушева́ть *сов. что* расмро сиёхтар кардан; ранги расмро баландтар кардан

подтушёвка *ж (по знач. гл.* **подтушева́ть)** расмро сиёхтар кардан(и); баландтар кардани ранги расм

подтушёвывание *с см.* **подтушёвка**

подтушёвывать *несов. см.* **подтушева́ть**

подтушёвываться *несов. страд.* ранги расм баландтар карда шудан

подтыка́ть *несов. см.* **подоткну́ть**

подтыка́ться *несов. страд.* қат карда шудан

подтя́гивание *с (по знач. гл.* **подтяну́ть)** кашолакунон наздик овардан(и); ҷамъ кардан(и); зиёд кардан(и); шитобонидан(и); *(по знач. гл.* **подтяну́ться)** худро боло бардоштан(и); ба пешқадамон баробар шудан(и); ~ **на турнике́** дар турник худро боло бардоштан(и); ~ **войск к грани́це** ба сарҳад ҷамъ кардани аскар

подтя́гивать *несов. см.* **подтяну́ть**

подтя́гиваться *несов.* 1. *см.* **подтяну́ться;** 2. *страд.* боло кашида шудан

подтя́жка *ж* 1. *(по знач. гл.* **подтяну́ть** 1) кашида таранг кардан(и); маҳкамтар тофтан(и); ~ **болта́** маҳкамтар тофтани мурват 2. *мн.* **подтя́жки** шалворбанди китфӣ

подтя́нутость *ж* озодагӣ, ботартибӣ, муназзамӣ

подтя́нутый, -ая, -ое (подтянут, -а, -о) 1. *прич.* таранткашида, тарангбаста 2. *прил.* дарҳамкашида, лоғар, фурурафта, дарунрафта; ~ **живо́т** шиками дарҳамкашида 3. *перен.* озода, ботартиб, муназзам, хушсару либос; **у него́** ~ **вид** у одами ботартибу озода аст

подтяну́ть *сов.* 1. *что* таранг кашидан (бастан, кардан); ~ **по́яс** камарбандро таранг бастан // боло кашидан; ~ **брю́ки** шимро боло кашидан // *спорт.* дарҳам кашидан // *(подвинтить)* маҳкамтар тофтан 2. *кого-что* кашолакунон наздик овардан; ~ **ло́дку к бе́регу** заврақро кашолакунон ба соҳил наздик овардан; ~ **са́ни под наве́с** чанаро кашола карда ба таги айвон даровардан 3. *кого-что воен.* ҷамъ (туб) кардан, ба як ҷо ғун кардан; ~ **ча́сти к перепра́ве** аскаронро ба гузаргоҳи дарьё ҷамъ кардан 4. *что разг.* бардоштан, зиёдтар (баландтар) кардан; ~ **зарпла́ту** музди корро зиёдтар кардан 5. *кого-что* суръати корро тезондан, шитоб кунондан, ба пешқадамон расондан; ~ **отстаю́щих** ақибмондагонро ба пешқадамон расондан 6. *муз.* ҷур шудан, ҷӯр шуда хондан 7. *что* кашидан, дарҳам кашидан, ба дарун гирифтан; ~ **живо́т** шикам дарҳам кашидан

подтяну́||ться *сов.* 1. таранг кардан, кашидан; ~**ться ремнём** тасмаи худро таранг кардан 2. *спорт.* овезон шуда худро боло бардоштан, бо қувва худро боло кашидан 3. наздик шудан (омадан); **кора́бль** ~**лся к бе́регу** киштӣ ба соҳил наздик омад 4. *воен.* ҷамъ (туб) шудан, ғун шудан; **войска́** ~**лись к грани́це** аскарон дар назди сарҳад ҷамъ шуданд 5. сифати корро бехтар кардан; ба пешқадамон расида гирифтан (баробар шудан) 6. худро ба тартиб даровардан; озода (хушлибос) шудан

подува́||ть *несов. разг.* гоҳ-гоҳ вазидан; **на па́лубе** ~**л ветеро́к** дар саҳни киштӣ гоҳ-гоҳ насим мевазид

поду́деть *сов. разг.* муддате най навохтан

поду́ма||ть *сов.* 1. *о ком-чём* фикр (андеша, мулоҳиза) кардан; **стра́шно** ~**ть об э́том** аз ин хусус фикр кардан даҳшатовар аст 2. муддате фикр кардан, як андоза мулоҳиза кардан, андак фикр кардан; **я** ~**ю, а пото́м отве́чу вам** ман андак фикр кунам, сонӣ ба шумо ҷавоб медиҳам 3. *2 л. ед. буд.* **поду́маешь** *в знач. межд. разг.* хайр чӣ, хайр бошад, гумон (хаёл) ки, ӯҳӯ, эҳа; ~**ешь, како́й у́мный!** эҳа, ин қадар доно шудай! 4. *повел.* **поду́май(те)** *и неопр.* **поду́мать** *чаще со сл. «только»* аҷабо, аҷиб, қобили тааҷҷуб аст ки..., бинед-а ◇ **и не** ~**ю!** асло, ҳаргиз!, ҳеҷ гоҳ!, ба ҳеҷ ваҷҳ!; **и не** ~**ю идти́** ба ҳеҷ ваҷҳ намеравам

поду́ма||ться *сов. кому безл. разг.* ба фикр (ба хотир, ба ёд) омадан, аз хаёл (аз фикр) гузаштан, гумон доштан; **мне** ~**лось, что он всё равно́ не прие́дет** як аз дилам гузашт, ки ба ҳар ҳол у намеояд

поду́мыва||ть *несов. разг. о ком-чём* фикр (андеша, мулоҳиза) кардан, фикр (хаёл, ният) доштан; ~**ть об отъе́зде** нияти рафтан доштан // *с неопр.* хоҳиш (майл) доштан, фикр (ният) доштан; **он давно́** ~**л уе́хать** вай кайҳо рафтанӣ буд

по-дура́цки *нареч.* аҳмақона, аблаҳвор

подура́чить *сов. кого разг.* ҳазлкунон фиреб додан, шухӣ кардан

подура́чи||ться *сов. разг.* ҳазлу шӯхӣ кардан; ~**лись и хва́тит!** ҳазлу шухӣ бас аст!

подури́ть *сов. см.* **подура́читься**

подурне́ть *сов.* бенур (баднамо) шудан

подуса́дебный, -ая, -ое ...и ҳавли, наздиҳаёт; ~ **уча́сток** мавзеи наздиҳаёт, замини руи дарича

поду́сники *мн.* (*ед.* **поду́сник** *м*) мӯи кунҷи лабҳо, нугҳои муйлаб

поду́ськать *сов. кого разг.* таҳрик кардан, иғво додан

поду́скивать *несов. см.* **поду́ськать**

поду́||ть *сов.* 1. вазидан, хестан; ~**л холо́дный ве́тер** боди сард вазид 2. *(ртом)* пуф кардан; ~**ть на обожжённый па́лец** ба ангушти сухта пуф кардан 3. *(о ветре)* муддате вазидан; *(ртом)* муддате пуф кардан

подутю́живать *несов. см.* **подутю́жить**

подутю́живаться *несов. страд.* каме уттӣ карда шудан

подутю́жить *сов. что разг.* каме уттӣ кардан, андак дарзмол кардан

подуча́ть *несов. см.* **подучи́ть** 2

подуча́ться *несов. см.* **поду́чиваться** 2

поду́чивать *несов. см.* **подучи́ть**

подучиваться *несов.* 1. *см.* **подучиться**; 2. *страд.* таълим дода шудан

подучить *сов.* 1. *кого чему* андак омухтан, каме таълим (ёд) додан // *что* бехтар ёд гирифтан (кардан); ~ **стихотворение** шеърро бехтар ёд кардан 2. *кого (подговорить)* игво (тахрик) кардан; омўзондан; рох нишон додан

подучиться *сов. разг.* андак ёд гирифтан, каму беш омухтан, каме омухта шудан

подушечка *ж* 1. *уменьш. к* **подушка**; 2. *чаще мн.* **подушечки** конфети болиштчашакл

подуши||ть I *сов. кого* хафа (буғ) карда куштан, буғӣ кардан; **волк ~л много овец** гург гуспанди бисьёрро хафа карда кушт

подушить II *сов. кого-что (опрыскать духами)* андак атр задан (пошидан)

подушиться *сов.* ба худ атр (гулоб) пошидан, андак ба худ атр задан

подушка *ж* 1. болишт, болин, такъя, лула 2. *тех.* болиштак *(асоси иморатхо, механизмхо, қабати поёни роҳҳои фаршдор)*

подушный, -ая, -ое *ист.* сарикасӣ, сарона; ~ **налог** андози сарикасӣ

подфарник *м* чароғаки таги фара

подхалим *м* хушомадгуй, чоплус, косалес, лаганбардор, тамаллуккор

подхалимаж *м см.* **подхалимство**

подхалимничать *несов. разг.* хушомадгуӣ кардан, чоплусӣ (лаганбардорӣ) кардан, тамаллуқ гуфтан

подхалимский, -ая. -ое *разг.* хушомадгуёна, чоплусона, тамаллуқомез; ~ **тон** оханги тамаллуқомез

подхалимство *с разг.* хушомадгуй, чоплусй, косалесӣ, лаганбардорӣ, тамаллуқ

подхалимствовать *несов. см.* **подхалимничать**

подхват *м* 1. *(по знач. гл.* **подхватить** 1, 4) бардоштан(и), дастгир кардан(и), дошта гирифтан(и); чур шудан(и) 2. чои танги либос ◇ **быть на ~е** ба ичрои корхои майда-чуйда ёрӣ расондан

подхвати||ть *сов.* 1. *кого-что* бардоштан, доштан, гирифтан, дошта гирифтан, даст гирифтан; **~ть кого-л. под руки** аз оринчи касе доштан; **спортсмен ~л мяч** варзишгар тупро аз хаво дошта гирифт; **мальчик ~л сумку и побежал** бача турбаро гирифту давид // *(увлечь течением)* бурдан, гирифта бурдан 2. *что перен.* ёфтан, дарьёфт кардан, гирифтор шудан; **~ть насморк** гирифтори зуком шудан 3. *что перен.* зуд сарфахм рафтан, пай бурдан, дарьёфтан; **он ~л мысль собеседника** вай фикри хамсухбати худро зуд пай бурд 4. *что* чур шудан, чур шуда хондан; **ребята ~ли песню** бачахо ба суруд чур шуданд 5. *что* ёрӣ додан, хамрох шудан, қувват (таквият) додан, ёрмандӣ (кумак) кардан; **~ть чью-л. инициативу** ташаббуси касеро қувват додан

подхватиться *сов. разг.* хеста тохтан, давидан, якбора (зуд) давидан

подхватывать *несов. см.* **подхватить**

подхватываться *несов.* 1. *см.* **подхватиться**; 2. *страд.* бардошта шудан

подхвостник *м* пордум

подхихикивать *несов. прост.* пинхонӣ (зери лаб) хандидан, рустӣ қиқиррос зада хандидан

подхлестнуть *сов. кого-что* тозиёна задан, бо химча задан; ~ **лошадь** аспро тозиёна задан // *перен. разг.* шитоб кунондан, шитобондан

подхлёстывать *несов. см.* **подхлестнуть**

подхлёстываться *несов. страд.* тозиёна зада шудан

подход *м* 1. *(по знач. гл.* **подойти** 1, 3) наздик омадан(и), наздик шудан(и), омада расидан(и); ~ **подкрепления** омадани қувваи ёрӣ 2. даромадгох, дамгох, воридгох, вурудгох; ~ **к реке** рохи сӯи дарьё 3. муносибат, рафтор, нуктаи назар, муомила; **правильный ~ к делу** муносибати дуруст ба кор // *мн.* **подходы** *(уловки)* хила, найранг ◇ **на ~е** 1) дар арафаи омад-омад, қариби расидан 2) дар арафаи...

подход||ец *м разг.* муносибати найрангомез, найранг, фиреб, рафтори хилаомез; **с ~цем** бо найранг

подходить *несов. см.* **подойти**

подходный, -ая, -ое ...и наздикшавӣ, ...и рохи омад

подходящ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* наздикоянда, наздикшаванда, оянда 2. *прил.* мувофиқ, муносиб, соз, боб, мутобиқ, қулай; **~ий момент** фурсати қулай; **~ее помещение** бинои мувофиқ; **~ая цена** нархи муносиб; **~ие условия** шартхои қобили қабул

подхомутник *м* кучан, гардани

подхорунжий *м ист. воен.* подхорунжий *(мансаби ҳарбии қӯшуни казакҳо, баробари подпрапорщик)*

подхрапывать *несов. разг.* андак хур-хур кардан, андак хуррок кашидан

подцветить *сов. что* 1. [рангу] равған додан, ранг кардан (молидан), рангро кушодтар (баландтар) кардан; ~ **мех** муинаро ранг кардан 2. рангин (гуногунранг, рангоранг) кардан; ~ **флажками** байракчахои рангоранг задан

подцветка *ж (по знач. гл.* **подцветить** 1) ранг кардан(и), ранг молидан(и); ~ **ткани** ранг кардани матоъ

подцвечивать *несов. см.* **подцветить**

подцвечиваться *несов. страд.* ранг карда шудан

подцензурн||ый, -ая, -ое ...и тахти цензура; **~ая печать** матбуоти тахти цензура

подцепить *сов. кого-что* 1. ядак кардан, часпондан, овехтан, васл кардан, аз пушт (аз таг) часпондан; ~ **вагон к поезду** вагонро ба поезд васл кардан 2. андармон кардан, доштан; ~ **крюком бревно** ғулачубро бо чангак андармон кардан 3. *перен. разг.* ёфтан, дарьёфт кардан, ба даст овардан, гирифтор шудан; ~ **насморк** гирифтори зуком шудан

подцепиться *сов. разг.* аз таг дошта овезон шудан, аз зер (аз таг) андармон шудан

подцепка *ж (по знач. гл.* **подцепить** 1, 2) часпондан(и), васл кардан(и), овехтан(и); андармон кардан(и)

подцеплять *несов. см.* **подцепить**

подцепляться *несов.* 1. *см.* **подцепиться**; 2. *страд.* часпонда шудан, васл карда шудан

подцепной, -ая, -ое пайвастшаванда, васлшаванда; ~ **вагон** вагони васлшаванда

подчаливать *несов. см.* **подчалить**

подчалить *сов.* 1. *что* ба сохил кашида овардан, наздик оварда бастан, наздик кашидан; ~ **лодку к берегу** завракро ба сохил оварда бастан 2. *(стать на причал)* ба сохил омада истодан

подчалок *м обл.* завраки ядак

подчас *нареч. разг.* баъзан, гох-гох, гохо, гохе

подчасок *м воен.* ёридихандаи посбон, шогирди посбон, посбонбача

подчелюстн||ой, -ая, -ое ...и зери чоғ, ...и таги манах; **~ые железы** ғадуди зери манах

подчёркивание *с (по знач. гл.* **подчеркнуть**) кашидани хат ба зери *чизе*; таъкид

подчёркивать *несов. см.* **подчеркнуть**

подчёркиваться *несов. страд.* ба зери *чизе* хат кашида шудан

подчёркнутость *ж* махсус (алохида) будан(и), таъкид шудан(и)

подчёркнут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хат кашидашуда; таъкид кардашуда 2. *прил. перен.* махсус, ботаъкид, алохида; **с ~ым вниманием** бо диққати махсус, бо таваччухи алохида

подчеркну||ть *сов. что* 1. ба зери *чизе* хат (калам) кашидан; **~ть слово в тексте** ба зери калимае дар матн хат кашидан 2. *перен.* таъкид кардан, диққати махсус додан, хотирнишон кардан; **докладчик ~л роль науки в развитии общества** маърўзакунанда ахамияти илмро дар инкишофи чамъият махсусан таъкид кард // *(выделить голосом)* бо таъкид гуфтан, мад кашида гуфтан, бо овози баландтар гуфтан

подчернить *сов. что* сурма молидан, сиёхтар кардан *(абрӯ, мижа, муйсарро)*

подчерниться *сов. прост.* абрўи (мижаи, муйсари) худро сиёхтар кардан

подчертить *сов. что* хати барилова кашидан

подчёрчивать *несов. см.* **подчертить**

подчёрчиваться *несов. страд.* барилова хат кашида шудан

подчинени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **подчинить**) тобеъ кардан(и), мутеъ гардондан(и), тобеият; *(по знач. гл.* **подчиниться**) тобеъ шудан(и), мутеъ шудан(и); **республиканского (местного) ~я** тобеияти республикавӣ (махаллӣ); **союзного ~я** тобеияти иттифоқӣ; **быть в ~и у кого-л.** мутеи касе будан 2. *грам.* тобеият

подчинённость *ж* тобей, тобеият, вобастагӣ, зердастӣ

подчинённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тобеъ, мутеъ, вобаста 2. *в знач. сущ.* **подчинённый** *м*, **подчинённая** *ж* одами (шахси) зердаст (мутеъ) 3. *прил.* зердаст, вобаста, тобеъ, мутеъ; **быть в ~ом положении** дар ҳолати мутеъ будан

подчинительный, -ая, -ое *грам.* тобеъкунанда; ~ **союз** пайвандаки тобеъкунанда

подчинить *сов. кого-что в разн. знач.* тобеъ кардан, мутеъ гардондан, зери таъсир даровардан; ~ **своему влиянию** зери таъсири худ даровардан

подчиниться *сов. в разн. знач.* тобеъ (зердаст, мутеъ) шудан, итоат кардан; ~ **приказу** ба фармон итоат кардан

подчинять *несов. см.* **подчинить**

подчиняться *несов.* 1. *см.* **подчиниться**; 2. *страд.* тобеъ карда шудан

подчистить *сов.* 1. *что* андаке покиза (пок) кардан, каме тоза (тамиз) кардан; ~ **дорожку** пайраҳаро тоза кардан 2. *что (соскоблить написанное)* тарошидан, тарошида ислоҳ кардан 3. *что шутл., ирон. (съесть дочиста)* покиза хурдан, хурда табақашро лесидан, пок-покиза хурдан

подчиститься *сов.* покиза (пок) шудан, тоза (тамиз) шудан

подчистка *ж (по знач. гл.* **подчистить**) покиза (пок) кардан(и), тамиз (тоза) кардан(и), тарошидан(и), тарошида ислоҳ кардан(и)

подчистую *нареч. прост.* тамоман, то охир, пок-покиза; **съесть** ~ пок-покиза хурдан

подчитать *сов. что* 1. *разг.* боз хондан, барилова мутолиа кардан; **надо ещё ~ заданный урок** вазифаи супурдашударо боз хондан даркор 2. *полигр.* бо овози баланд хондан *(барои татбиқи нусха ба матни аслӣ)*

подчитка *ж (по знач. гл.* **подчитать** 2) хондан бо овози баланд

подчитчик *м полигр.* нусхахон *(ходиме, ки нусхаи аслиро бо овози баланд мехонад)*

подчитывать *несов. см.* **подчитать**

подчитываться *несов. страд.* бо овози баланд хонда шудан

подчищать *несов. см.* **подчистить**

подчищаться *несов.* 1. *см.* **подчиститься**; 2. *страд.* покиза (пок) карда шудан

подшёрсток *м* тибит

подшефный, -ая, -ое 1. ба шефӣ (ба ионат, ба сарпарастӣ) гирифташуда, ...и ионатӣ, зериҳимоятӣ); ~ **колхоз** колхози ба шефӣ гирифташуда 2. *в знач. сущ.* **подшефный** *м*, **подшефная** *ж* шефӣ, ионатӣ, таҳти сарпарастӣ

подшибать *несов. см.* **подшибить**

подшибаться *несов. страд.* зада шудан

подшибить *сов.* 1. *что* задан, куфтан; ~ **глаз** ба чашм задан 2. *кого-что* зада ғалтондан (афтондан), афтондан; ~ **куропатку** кабкро зада ғалтондан

подшивание *с см.* **подшивка**

подшивать *несов. см.* **подшить**

подшиваться *несов. страд.* аз таг духта шудан

подшивка *ж* 1. *(по знач. гл.* **подшить**) тагдузӣ, аз таг духтан(и), аз таг часпондан(и); лабгардон карда духтан(и); кафакӣ андохтан(и); ~ **сапог** ба муза кафакӣ духтан(и) 2. *разг.* чизи духташуда (часпондашуда) 3. *разг. (комплект)* духта, духтаи рузнома (маҷалла)

подшивной, -ая, -ое духташаванда, часпондашаванда, тагдузишаванда

подшивочный, -ая, -ое тагдузишаванда; ...и лабгардон карда духтан(и); ...и кафакӣ андохтан(и); ~ **материал** матои (чарми) тагдухт

подшипник *м тех.* подшипник

подшипников||ый, -ая, -ое *тех.* ...и подшипник; **~ые кольца** ҳалқаҳои подшипник; **~ый завод** заводи подшипник

подшить *сов. что* 1. аз таг духтан, аз таг часпонда духтан; ~ **подкладку** астар духтан 2. лабгардон карда духтан; ~ **носовой платок** даструмолчаро лабгардон карда духтан 3. *сапожн.* кафакӣ духтан (андохтан); ~ **сапоги** ба муза кафакӣ духтан 4. *плотн.* бо мех задан (часпондан); ~ **потолок** ба сақф тахта задан 5. *канц.* духтан, илова кардан, илҳоқ кардан; ~ **протокол к делу** карорро ба дела ҳамроҳ кардан

подшкипер *м мор.* ноиби капитан *(дар киштӣ)*

подшкиперский, -ая, -ое *мор.* ...и ноиби капитан, аз они ноиби капитан

подшлемник *м* кулоҳи зери тоскулоҳ

подшофе *неизм. прил. в знач. сказ. уст.* ширакайф, кайфчок, сархуш

подшпиливать *несов. см.* **подшпилить**

подшпиливаться *несов. страд.* аз таг бо сарсузан васл карда шудан

подшпилить *сов. что разг.* аз таг бо сарсузан (бо сузани бандак) часпондан, аз таг бо сарсузан банд (васл) кардан

подштанники *тк. мн. разг.* эзор

подштопать *сов. что* руфу кардан, бофта дарбеҳ (ямоқ) кардан; ~ **чулки** ҷуроброро руфу кардан

подштопывать *несов. см.* **подштопать**

подштопываться *несов. страд.* руфу карда шудан

подштукатуривать *несов. см.* **подштукатурить**

подштукатуриваться *несов. страд.* андова карда шудан

подштукатурить *сов. что* баъзе ҷойҳоро андова кардан, шикастурехт кардан; ~ **стену** ҷойҳои вайроншудаи деворро андова кардан

подштурман *м мор.* ноиби киштирон, ноиби штурман

подшутить *сов. над кем-чем* ҳазл (шухӣ) кардан, мазоҳ кардан; ~ **над приятелем** ба ҷураи худ ҳазл кардан

подшучивать *несов. см.* **подшутить**

подщёлкивать *несов. разг.* карс-карс кардан, шикан-шикан кардан

подщелкнуть *сов. однокр. к* **подщёлкивать**

подъ= *приставка префиксест, ки пеш аз йотбарсарҳои «е», «ю», «я» ба ҷои «под=» меояд:* подъесть хурда кардан; *см.* **под=**

подъедать *несов. см.* **подъесть**

подъезд *м* 1. *(по знач. гл.* **подъехать** 1, 2) наздик омадан(и), наздик шудан(и) 2. даромадгоҳ, воридгоҳ, роҳи даромад, мадхал; ~ **к переправе** роҳи гузаргоҳ 3. дари даромад, воридгоҳ, даромадгоҳ, дарвоза; **парадный** ~ даромадгоҳи асосӣ; **стоять в ~е** дар дами дарвоза истодан

подъездка *ж спорт., воен.* ром кардан(и)

подъездн||ой, -ая, -ое ...и роҳи омад, ...и роҳи фаръӣ; **~ые пути** роҳҳои фаръии роҳи оҳан, роҳи оҳани иловагӣ

подъездчик *м спорт., воен.* ромкунандаи асп

подъезжать *несов. см.* **подъехать**

подъём *м* 1. *(по знач. гл.* **поднять**) бардоштан(и), боло кардан(и), баланд кардан(и); афроштан(и); *(по знач. гл.* **подняться**) боло шудан(и), баланд шудан(и), афрошта шудан(и), баромадан(и); ~ **тяжестей** борбардорӣ, вазнабардорӣ; ~ **в гору** кӯҳбарой; ~ **воды в реке** обхезии дарьё 2. шудгор; ~ **зяби** шудгори тирамоҳӣ 3. инкишоф, нашъунамо, тараққӣ, пешрафт, афзоиш; ~ **сельского хозяйства** инкишофи хоҷагии қишлоқ 4. шавқу завқ, ҳавас, руҳбаландӣ, ҷушу хурӯш; **играть на сцене с ~ом** дар саҳна бо рӯҳбаланди бозӣ кардан 5. кутал, баландӣ, фарозӣ; **пологий** ~ кутали тадриҷан болараванда 6. *(у ноги)* баландии рӯи пой // *(часть обуви)* баландии рӯи пойафзол ◇ **лёгок на** ~ одами зудҷунб (серҳаракат); ҳамешатайёр; **тяжёл (тяжёлый) на** ~ сустҳаракат, камҳавсала, сусткор

подъёмка *ж (по знач. гл.* **поднять** 1) бардоштан(и), баланд кардан(и); ~ **тяжестей** борбардорӣ, вазнабардорӣ

подъёмник *м тех.* мошини болобардор, олати борбардор

подъёмн||ый, -ая, -ое 1. ...и бардоштан(и), ...и болобардорӣ, борбардор; **~ый кран** ғарғараи борбардор; **~ая машина** мошини болобардор, лифт 2. бардошташаванда, мутаҳаррик, болошаванда; **~ый мост** пули болошаванда; пули мутаҳаррик 3. *в знач. сущ.* **подъёмные** *мн.* пули (харҷи) роҳ ◇ **~ые деньги** *то же, что* **подъёмные**

подъёмщик *м* коргари борбардор (бардоранда)

подъесаул *м ист. воен.* подъесаул *(дар Россияи подшоҳӣ яке аз рутбаҳои казакҳо)*

подъе||сть *сов. что* 1. *разг.* аз таг хӯрдан, хӯрда кардан, хурдан; **жуки ~ли корень** гамбускҳо решаро хурданд 2. *прост.* пок-покиза хурдан, тамоман (ҳамаро) хурдан, хурда тамом кардан

подъеха||ть *сов.* 1. *к кому-чему* наздик омадан (шудан), омадан; **машина ~ла к дому** мошин ба пеши хона омада истод 2. *к кому разг.* омадан, рафтан *(савора)*; **я подъеду к вам вечером** бегоҳӣ ман ба пеши шумо меоям 3. *к кому перен. прост.* дили *касеро* дарьёфтан, бо макру найранг худро наздик кардан; **с какой стороны к нему ~ть?** бо кадом тадбир дилашро бояд ёфт?; **к нему на козе не подъедешь** *прост.* ӯро ба гап даровардан кори осон не

поколо||ть I *сов.* 1. *что* дар чанд ҷой халондан (сузан задан); якчанд маротиба халондан (сузан задан) 2. *безл. (о боли)* муддате хала (сих) задан; **у меня** ~**ло в груди** дилам сих зад 3. *кого (убить многих)* куштан, сар задан (буридан); ~**ть овец** гусфандонро сар буридан

поколо||ть II *сов.* 1. *что, чего* як миқдор шикастан (кафондан); ~**ть дров** як миқдор ҳезум кафондан 2. *что и без доп.* муддате шикастан (кафондан)

поколоться I *сов. разг.* дар чанд ҷой халидан; якчанд маротиба халидан

поколо||ться II *сов. разг. (во многих местах)* шикастан, кафидан; *(о многом)* шикастан, шикаста чил-чил шудан; **посуда** ~**лась** зарф шикаста чил-чил шуд

поколыха||ть *сов. что* муддате ҷунбондан, каме лаппас занондан; **ветерок** ~**л занавеску** насим пардаро лаппас занонд

поколыха́ться *сов.* муддате ҷунбидан (лаппиш, мавҷ) хурдан

покома́ндовать *сов.* муддате фармон додан, ҳукмронӣ кардан

поко́мка||ть *сов. что прост.* муддате ғиҷим (миҷақ) кардан; **он в нереши́тельности** ~л **ша́пку** у дар ҳолати беқарорӣ кулоҳашро ғиҷим мекард // *(всё, многое)* ғиҷим (миғҷа) кардан

по-коммунисти́чески *нареч.* коммунистворона; **рабо́тать** ~ коммунистворона кор кардан

поко́нчить *сов.* 1. *с чем* тамом кардан, хотима додан, ба анҷом расондан; ~ **с рабо́той** корро тамом кардан; ~ **с за́втраком** наҳорӣ хурда тамом кардан 2. *с чем* хотима додан, бас кардан, барҳам додан, нест (нобуд) кардан; ~ **с нището́й** бенавоиро барҳам додан // *с кем прост.* куштан, нест (нобуд) кардан ◇ ~ **с собо́й (с жи́знью)** худкушӣ кардан

покопа́ть *сов. что и без доп.* қадре кофтан (кандан), муддате каланд (побел) кардан

покопа́ться *сов.* муддате кофтуков (ҷустуҷӯ) кардан; ~ **в су́мке** кифро кофтуков кардан; ~ **в па́мяти** кушиши ба хотир оварданро кардан

покопти́ть *сов. что и без доп.* муддате дуд додан (кардан)

покорёжить *сов. кого-что прост.* чаппа (қат, каҷ, хам, қатучат) кардан

покорёжиться *сов. прост.* чаппа (қат, каҷ, хам, қатучат) шудан

по-коре́йски *нареч.* кореягӣ, ба кореягӣ

покоре́ние *с (по знач. гл.* **покори́ть**) тобеъ (зердаст, мутеъ) кардан(и); тасхир (мафтун) кардан(и); ~ **ко́смоса** фатҳи кайҳон

покори́тель *м* фотеҳ, музаффар, ғолиб ◇ ~ **серде́ц** *шутл.* марди занбоз

покори́тельница *женск. к* **покори́тель** ◇ ~ **серде́ц** *шутл.* дилбар, дилкаш

покори́||ть *сов. кого-что* 1. тобеъ (истило, зердаст, мутеъ) кардан, итоат кунондан; ~**ть страну́** мамлакатро истило кардан; ~**ть си́лы приро́ды** қувваҳои табиатро мутеи иродаи инсон кардан 2. *перен.* мафтун (маҷзуб) кардан; **он** ~**л всех** у ҳамаро мафтун кард ◇ ~**ть чьё-л. се́рдце** *шутл.* дили касеро рабудан

покори́ться *сов.* 1. тобеъ (мутеъ, асир) шудан 2. итоат кардан, тан додан, мутеъ шудан, гардан фуровардан; ~ **судьбе́** ба тақдир тан додан

покорми́ть *сов. кого* хурондан, хурок (таом) додан

покорми́ться *сов. разг.* хурдан, хурок (таом) хурдан, авкот кардан

поко́рнейше *нареч. уст.:* ~ **благодарю́** хеле миннатдорам; ~ **прошу́** оҷизона илтимос мекунам

поко́рнейш||ий, -ая, -ее *превосх. ст. к* **поко́рный** *уст.:* **ваш** ~**ий слуга** камнинаи камтарин, фақирулҳақир; ~**ая про́сьба** илтимоси ҳакирона

поко́рно *нареч.* итоаткорона, фармонбардорона, бидуни чуну чаро; **он** ~ **пошёл за отцо́м** вай бидуни чуну чаро аз ақиби падараш равона шуд ◇ ~ **благодарю́** хеле миннатдорам; ~ **прошу́** оҷизона илтимос мекунам; **благодарю́** ~ *уст. теперь ирон. (выражение несогласия)* хуш-е, бисьёр мебахшед-да; **пое́хать в дождь?** — **Благодарю** ~! дар ҳамин борон рафтан? — Хуш-е!; **прошу́** ~ *уст. теперь ирон.* маъзур доред, бубахшед

поко́рность *ж* мутеӣ, фармонбардорӣ, итоат, итоаткорӣ, гапдарои

поко́рн||ый, -ая, -ое (поко́р|ен, -на, -но) мутеъ, фармонбардор, итоаткор(она), ботавозуъ, гапдаро; мутеъвор(она); ~**ая жена** зани итоаткор; ~**ая улы́бка** табассуми ботавозуъ; ~**ое согла́сие** ризомандии мутеъворона ◇ **ваш (твой)** ~**ый слуга́** *уст.* ғуломатон, каминаи камтарини шумо, фақирулҳақир; **слуга́** ~**ый** *ирон. (выражение отказа или несогласия)* ҳаргиз розӣ нестам; бисьёр мебахшед-да; ёфтед ғуломатонро

покоро́би||ть *сов.* 1. *что чаще безл.* тоб партофтан (хурдан); **пол** ~**ло от сы́рости** тахтаҳои фарши хона аз рутубат тоб партофтанд 2. *кого разг.* ҳисси кароҳат бедор кардан, нафрат овардан, ба нафсонияти *касе* расидан; **меня́** ~**л тако́й отве́т** ин гуна ҷавоб ба нафсонияти ман расид

покоро́биться *сов.* тоб партофтан, каҷ (хам) шудан, тоб хурдан

покорпе́ть *сов. над чем и без доп. прост.* муддате резакорӣ (майдакорӣ, диққаткорӣ) кардан

покоря́ть *несов. см.* **покори́ть**

покоря́ться *несов.* 1. *см.* **покори́ться**; 2. *страд.* тобеъ (истило) карда шудан

поко́с *м* 1. дарав, алафдаравӣ; **начался́** ~ дарав сар шуд // вақти дарав (алафдаравӣ) 2. ҷои алафдаравӣ, мавзеи дарав, қитъаи дарав

покоси́||ть I *сов.* 1. *что разг.* даравидан, дарав кардан 2. *что и без доп.* муддате дарав кардан; **мы** ~**ли оди́н день** мо як руз дарав кардем

покоси́||ть II *сов. что разг.* каҷ кардан, тоб додан // *чаще безл.* тоб партофтан (хурдан); **дверь** ~**ло** дар тоб партофт

покоси́||ться *сов.* 1. каҷ шудан, тоб партофтан (хурдан), яклаба (яктарафа) шудан; **печь** ~**лась** печка яктарафа шуд 2. *разг.* каҷ нигоҳ кардан, дуздида (бад-бад) нигоҳ кардан; **он** ~**лся на сосе́да** у ба ҳамсоя бад-бад нигоҳ кард

поко́сн||ый, -ая, -ое ...и дарав, ...и алафдаравӣ, даравбоб; ~**ое вре́мя** мавсими алафдаравӣ; ~**ые луга́** марғзорҳои даравбоб

покочева́ть *сов.* муддате кучидан (кучманчигӣ кардан)

покочевря́житься *сов. прост.* андак қайсарӣ (якраҳагӣ, гарданшахӣ, неву нестон) кардан

покра́жа *ж* 1. *разг.* дуздӣ 2. *уст.* моли (чизҳои) дузди

покра́пать *сов.* якта-нимта боридан (омадан), муддате чакидан

покра́пыва||ть *несов.* гоҳ-гоҳ (ягон-ягон, якта-нимта) боридан; **дождь** ~**ет** борон ягон-ягон меборад

покра́сить *сов.* 1. *что* ранг кардан (молидан, додан); рангу равған кардан; ~ **кры́шу** боми тунукаро ранг кардан 2. *что и без доп.* муддате ранг кардан, қадре ранг молидан (додан)

покра́ска *ж (по знач. гл.* **покра́сить** 1) рангмолӣ

покрасне́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **покрасне́ть** 1) сурх шудан(и) 2. ҷои сурхшуда, сурхӣ; ~ **на руке́** ҷои сурхшудаи даст

покрасне́||ть *сов.* 1. сурх шудан, ранг гирифтан, ранг додан; **ви́шня** ~**ла** олуболу ранг гирифтааст 2. сурх (суп-сурх) шудан; ~**ть от стыда** аз хиҷолат сурх шудан; **гу́сто** ~**ть** суп-сурх шудан

покрасова́ться *сов. разг.* муддате худнамоӣ кардан

покра́сочный, -ая, -ое ...и рангубор, ...и рангмолӣ; ~ **аппара́т** дастгоҳи рангмолӣ

покра́сть *сов. что разг. (всё, многое, всех, многих)* дуздидан, бурдан, дузд задан

покрахма́лить *сов.* 1. *что* андак оҳор додан (оҳорӣ кардан); ~ **бельё** ҷомашуиро оҳор додан 2. *что и без доп.* муддате оҳор додан (оҳорӣ кардан)

покрепи́ться *сов. разг.* муддате истодагарӣ кардан, муддате худдорӣ кардан

покрепча́ть *сов.* сахттар (шиддатноктар, зуртар) шудан

покрести́ть *сов. кого-что рел.* 1. чанде салиб кашидан 2. ғусли таъмид додан, насронӣ гардондан

покрести́ться *сов. рел.* 1. чанде бо даст салиб кашидан 2. насронӣ шудан, ба дини насоро имон овардан

покриви́ть *сов. что* каҷ (хам) кардан, яклаба (яктарафа, нишеб) кардан ◇ ~ **душо́й** виҷдонфурушӣ (дуруягӣ) кардан

покриви́||ться *сов.* каҷ (каҷу килеб, яктарафа, яклаба) шудан // *(о лице, губах)* каҷ (бурма) шудан; **его́ лицо́** ~**лось от бо́ли** қиёфааш аз таъсири дард каҷ шуд // *разг. (сделать гримасу недовольства)* руй турш кардан, лунҷ овезон кардан

покривля́ться *сов. разг.* муддате нозунуз кардан, каме мулоимхунукӣ кардан

по́крик *м* 1. *охот.* наъра, бонг, фиғон, чеғ; **пти́чий** ~ чеғи мурғон 2. *прост. см.* **покри́кивание**

покри́кивание *с (по знач. гл.* **покри́кивать**) чеғ задан(и), бонг задан(и); фарьёд кардан(и), дуғ задан(и); *(звуки)* чеғ, бонг, фарьёд, наъра; дуғу даранг

покри́кивать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ чеғ задан, гоҳ-гоҳ бонг задан, чанде наъра (фарьёд, фиғон) кардан (кашидан) // *на кого-что* гоҳ-гоҳ дуғ задан (хақорат кардан), сахтгапӣ кардан

покритикова́||ть *сов.* 1. *кого-что* танқид (сарзаниш) кардан; **на собра́нии**

его́ ~ли дар маҷлис уро сарзаниш карданд 2. *кого-что и без доп.* муддате танқид (сарзаниш) кардан

покрича́||ть *сов.* 1. чанде бонг задан (фарьёд кардан), муддате доду фарьёд кардан (фиғон бардоштан); **ребёнок ~л и затих** кудак каме доду фарьёд карду ором шуд 2. *на кого-что и без доп. разг.* дуғ задан, ҳақорат (сахтгапӣ, сиёсат) кардан; **он любит ~ть** у дуғ заданро нағз мебинад 3. *кого и без доп. разг.* фарьёд кардан, чеғ задан

покро́в I *м* 1. руйпуш, парда, пушиш; ҷилд, пуст; **снежный ~** қабати барф, курпаи барфӣ; **кожный ~** пусти бадан; **волосяной ~** мӯи бадан // *перен.* парда; **влажный ~ тумана** пардаи намноки туман 2. *уст.* (*покрывало*) чатр, болопӯш, парда, ҳиҷоб; рӯйпӯши тобут // *чаще мн.* **покровы** *уст. поэт.* либоси нафиси занона 3. *уст.* (*покровительство*) ҳимоя, ҳифз, дифоъ // (*покровитель*) ҳомӣ, муҳофиз ◇ **под ~ом чего-л.** дар зери ҳимояи чизе, дар паноҳи чизе; **под ~ом ночи** дар паноҳи шаб, дар зери чодари шаб; **набросить ~** *на что* бо парда пушондан; **сорвать (снять) ~ (~ы)** *с кого-чего* фош кардан, парда аз руи *чизе* бардоштан

покро́в II *м рел.* покров (*номи як иди тирамоҳии насрониён*)

покрови́тель *м* ҳомӣ, мудофеъ, муҳофиз, пуштибон, парастор

покрови́тельница *женск. к* **покровитель**

покрови́тельственн||ый, -ая, -ое 1. ҳомиёна, тарафгирона, ҳимоятгарона, мураббиёна; **говорить ~ым тоном** мураббиёна гап задан 2. *эк.* рағбатовар, манфиатбахш, ҳавасмандкунанда; **~ая политика** сиёсати ҳимоятгарона ◇ **~ая окраска** *биол.* ранги (ихтифо) ҳимоя; **~ая система** *см.* **протекционизм**

покрови́тельство *с* ҳимоя, парасторӣ, муҳофиза, мудофиа, пуштибонӣ; **быть под ~м кого-чего-л.** дар таҳти ҳимояи касе, чизе будан; **оказывать ~** ҳимоя кардан

покрови́тельствовать *несов. кому-чему* ҳимоя (парасторӣ, дастгирӣ, пуштибонӣ) кардан; **~ таланту** шахси соҳибистеъдодро дастгирӣ кардан

покро́вн||ый, -ая, -ое ...и болопуш, ...и руйпуш, ...и рӯйпушӣ; **~ый слой** қабати руйпӯш; **~ое стёклышко микроскопа** шишаи рӯйпӯши микроскоп ◇ **~ые культуры** *с.-х.* зироатхои ҳимоякунанда (*дар паноҳи онҳо растаниҳои нозуктар меруянд*)

покрои́ть *сов.* 1. *что* (*всё, многое*) *разг.* бисьёр либос буридан 2. *что и без доп.* муддате либос буридан

покро́||й *м* буриш, тарзи буриши либос, нусха; **брюки модного ~я** шими буришаш мӯд ◇ **на один ~й, одного ~я** аз руи як андоза (қолиб), аз руи як нусха, як тухмию як табақа; **на свой ~й** ба тарзи худ, аз руи ченаки худ; **~я какого** *=*мизоҷ, *=*ақида, *=*табиат; **человек старинного ~я** одами куҳнаақида

покро́мка *ж обл.* канораи матоъ, лаби газвор

покромса́ть *сов. прост.* 1. *что* (*всё, многое*) бетартиб (каҷу килеб, вайрон, ноӯҳдабароёна) буридан 2. *что и без доп.* муддате бетартиб (каҷу килеб, вайрон, ноӯҳдабароёна) буридан

покропи́ть *сов. что* андак пошидан, камтар андохтан (рехтан)

покроши́ть *сов. что, чего* реза (майда, пора) кардан; **~ хлеба для голубей** нонро барои кафтарҳо реза кардан

покружи́||ть *сов.* 1. муддате давр (чарх) задан, каме гирд (давр) гаштан; **самолёт ~л над городом** самолёт дар болои шаҳр каме давр зад 2. *кого* муддате давр (чарх) занондан, каме гирд гардондан; **~ть девушку в вальсе** духтарро ҳангоми рақси вальс чарх занондан 3. роҳ гум карда гаштан, овора шуда гаштан; **~ть по лесу** роҳ гум карда дар бешазор гаштан

покружи́ться *сов.* муддате давр (чарх) задан, каме гирд (давр) гаштан

покрупне́ть *сов. разг.* калонтар шудан, калонҷуссатар шудан

покрути́ть *сов. что, чем* муддате тофтан (тоб додан), муддате гардондан (чарх занондан); **~ усы** муйлабро тофтан; **~ ручку патефона** дастаи патефонро тоб додан

покрути́ться *сов.* муддате давр (чарх) задан, муддате гирд (давр) гаштан

покру́чивание *с* (*по знач. гл.* **покручивать**) андак тоб додан(и), гоҳ-гоҳ давр занондан(и)

покру́чивать *несов. что, чем* гоҳ-гоҳ тофтан (тоб додан), гоҳ-гоҳ гардондан (чарх занондан), андак давр занондан; **~ усы** муйлабро гоҳ-гоҳ тофтан

покручи́ниться *сов. фольк.* чанде маҳзун будан, қадре андуҳгин шудан

покрыва́ло *с* парда, ҳиҷоб, ниқоб, чодар; **шёлковое ~** чодари абрешимин; **опустить ~ на лицо** руи худро бо ҳиҷоб пӯшидан // (*для постели*) руйҷо, болопӯш; чодиршаб, ҷойпуш; **снять ~ с памятника** болопӯши ҳайкалро гирифтан

покрыва́ние *с см.* **покрытие** 1

покрыва́ть *несов. см.* **покрыть** 1—8, 10, 11

покрыва́ться *несов.* 1. *см.* **покрыться**; 2. *перен.* баробар (мувофиқ) омадан 3. *страд.* пушида шудан

покры́тие *с* 1. (*по знач. гл.* **покрыть** 1—2, 5—8, 10) пӯшидан(и), пушондан(и); адо кардан(и), пур кардан(и), паймудан(и), гузаштан(и), ҷуфтӣ кунондан(и) 2. фарш; **дорога с твёрдым ~м** роҳи фаршаш сахт

покрытосеменны́е, покрытосемя́нные *мн. бот.* пӯшидатухмиҳо (*навъи растаниҳои гулкунандае, ки тухмдонашон дар даруни ғилофак аст*)

покры́т||ый, -ая, -ое *прич.* пушида, фаро гирифта ◇ **это ~о тайной** *книжн.* ин сирри махфист, бо пардаи асрор пӯшида шудааст; **~о мраком неизвестности** зери ғубори ноаёнӣ мондааст

покры́||ть *сов.* 1. *кого-что* пӯшидан, пушондан, аз боло кашидан, рӯпӯш кардан; **~ть чехлом** ҷилд пӯшондан // *что* (*обить*) руйкаш кардан // *что* (*сделать верх из ткани*) абра кардан; **~ть шубу сукном** ба пустин абраи моҳут кардан // *кого-что разг.* (*надеть на голову*) ба сар печондан, ба сар бастан (партофтан, гирифтан); **~ть голову платком** ба сар румол бастан (печондан) 2. *что* давондан, андудан, молидан; **~ть рамку позолотой** ба чорчубаи расм зарҳал давондан 3. *что* пушондан: фаро гирифтан, печондан; **ветер ~л пруд рябью** шамол ба руи оби ҳавз чин партофт; **тучи ~ли небо** абрҳои сиёҳ осмонро фаро гирифтанд; **бледность ~ла её лицо** ранги руяш парид 4. *что* пахш (зер) кардан, фурӯ нишондан; **гудок паровоза ~л голоса людей** садои паровоз овози мардумро пахш кард 5. *что* додан, таъдия (адо) кардан, пардохтан, пур кардан, ҷарима (талофӣ) додан; **~ть расходы** хароҷотро пур кардан (бардоштан) 6. *кого-что* пинҳон (руст) кардан; **~ть преступника** ҷиноятгорро пинҳон кардан 7. *что* тай кардан, паймудан; **~ть переход в течение двух часов** манзилро дар муддати ду соат тай кардан 8. *что карт.* задан; **~ть короля козырем** шоҳро бо зот задан 9. *кого-что прост.* (*обругать*) ҳақорат кардан, дашном додан 10. *кого-что с.-х.* бордор (ҳамлдор) кунондан, ҷуфтӣ кунондан ◇ **~ть позором (презрением, стыдом)** *кого-что* лаънат хондан, туфу лаънат кардан, шармсор кардан; **~ть поцелуями** *кого-что* бӯса чидан (барчидан); **~ть славой** *кого-что* машҳур кардан

покры́||ться *сов.* 1. худро пӯшондан, пӯшонда шудан // (*надеть себе на голову*) ба сари худ печондан, ба сари худ бастан (партофтан); **~ться одеялом** ба боло кампал гирифтан 2. пушонда (пур) шудан, фаро гирифта шудан; **лоб ~лся испариной** дар пешонааш арақ дамид; **её лицо ~лось румянцем** ба руяш сурхӣ давид; **небо ~лось тучами** осмонро абрҳои сиёҳ фаро гирифт 3. (*заглушиться*) пахш (зер) шудан, фурӯ нишонда шудан 4. таъдия карда шудан, пур (пардохта) шудан; **все расходы покроются** ҳамаи хароҷот пур карда мешавад

покры́шк||а *ж* 1. *разг.* (*крышка*) сарпуш, даҳанпуш 2. *уст.* (*обивка, обшивка*) рӯйкаш, ҷилд 3. (*чехол*) ҷилд, покрышка; **~а футбольного мяча** ҷилди туби футбол ◇ **ни дна ни ~и** *кому прост.* бало (арвоҳ) занад

покря́кать *сов.* муддате ғоқ-ғоқ кардан

покря́кивание *с* (*по знач. гл.* **покрякивать**) ғоқ-ғоқ кардан(и); (*звуки*) ғоқ-ғоқ

покря́кивать *несов. разг.* чанде ғоқ-ғоқ кардан

покряхте́ть *сов. разг.* муддате оҳ-уҳ (нолиш-нолиш) кардан

покря́хтывание *с* (*по знач. гл.* **покряхтывать**) оҳ-уҳ (нолиш-нолиш) кардан(и); (*звуки*) оҳ-уҳ

покряхтывать *несов.* гоҳ-гоҳ оҳ-ӯҳ (нолиш-нолиш) кардан

покувыркаться *сов.* муддате муаллаҡ задан

покуда *разг.* 1. *нареч.* (*некоторое время*) ҳоло, ҳолӣ, ҳозир; **я ~ подождý** ман холо мунтазир мешавам; **побудь ~ здесь** ҳоли ин ҷо бош 2. *союз временной* (*до тех пор*) то вақте ки..., то мавриде ки..., то даме ки..., то... ки... // (*в то время, как*) вақте ки..., ҳол он ки...

покудахтать *сов.* муддате ҳут-ҳут кардан

покумекать *сов. прост.* муддате фикр (мулоҳиза) кардан

покупатель *м* харидор, муштарӣ

покупательница *женск. к* **покупатель**

покупательн||ый, -ая, -ое ...и харидан; **~ая способность** ҳобилияти харидан, ҳудрати харид кардан

покупательск||ий, -ая, -ое ...и харидор; **~ая конференция** конференцияи харидорон, маҷлиси машваратии муштариён; **~ий спрос** талаботи харидор

покупать I *несов. кого-что* 1. харидан, харид кардан; **~ в долг** ба насия харидан 2. (*подкупать*) харида гирифтан, пора дода (бо ришва) харидан

покупать II *сов. кого-что* оббозӣ доштан, муддате оббозӣ дорондан

покупаться I *несов. страд.* харида шудан

покупаться II *несов. разг.* оббози кардан, муддате оббозӣ (шиновари) кардан

покупка *ж* 1. (*по знач. гл.* **покупать** I) харид, харид кардан(и), харидан(и); **~ книг** китобхарӣ 2. моли (чизи) харида, харид; **пойти за ~ми** барои харид рафтан

покупн||ой, -ая, -ое 1. ...и харид, ...и харидан; **~ая цена** нархи харид 2. харида, бозори; **~ой хлеб** нони харида 3. *см.* **покупательный**

покупщик *м уст.* харидор, муштарӣ

покуражиться *сов. прост.* чанде таҳҳир (ришханд, истеҳзо, масхара) кардан

покуривать *несов. что и без доп.* кам-кам тамоку кашидан

покурить *сов.* 1. *что и без доп.* чанде [тамоку] кашидан; **покурим в коридоре** биёед, дар раҳрав папирос (тамоку) кашем 2. *чем и без доп.* (*благовониями*) дуд кардан, буй боровардан

покуролесить *сов. разг.* муддате бетартибӣ (шухӣ) кардан

покуса||ть *сов. кого-что* газидан, газида маҷрух (хуншор) кардан; якчанд дафъа газидан, болоиҳам газидан; **его ~ла собака** саг уро газид

покуситься *сов. на кого-что и с неопр.* суиқасд (қасд) кардан, нияти бад кардан, чашм ало кардан, чашми тамаъ духтан; **~ на чью-л. жизнь** ба ҳаёти касе суиқасд кардан; **~ на чужое добро** ба моли кас чашм ало кардан, ба моли мардум чашми тамаъ дӯхтан

покусыва||ть *несов. кого-что* гоҳ-гоҳ газидан, навозишкорона газидан; **она ~ла губы** у лабҳояшро гоҳ-гоҳ мегазид; **~ть усы** мӯйлаб (бурут) хоидан; **мороз ~ет щёки** сармо рухсораҳоро мелесад

покутить *сов.* чанде айшу ишрат (айёшӣ, кайф) кардан

покучивать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ айшу ишрат (айёшӣ, кайф) кардан

покушать *сов. что, чего и без доп. разг. в 1 л. не употр.* хурдан, ошомидан; **дать ~?** ягон чизи хӯрданӣ диҳам?; **он любит ~** бамазахурак аст

покушаться *несов. см.* **покуситься**

покушение *с* суиқасд, қасд; **~ на жизнь** қасди ҷон (куштан) ◇ **~ с негодными средствами** *книжн.* бефикрона кореро кардани шудан

пол I *м* фарши хона; **деревянный ~** тахтафарш; **паркетный ~** фарши паркет; **крашеный ~** тахтафарши рангмолида ◇ **земляной ~** замини хона; **на ~у не валяется** дар зери по намехобад, камьёб аст

пол II *м* ҷинс, ҷинсият; **лица обоего ~а** занону мардон, зану мард; **мужской ~** 1) *анат., физиол.* ҷинси мардона 2) *собир. прост.* мардон; **женский ~** 1) *анат., физиол.* ҷинси занона 2) *собир. прост.* занон; **прекрасный (нежный) ~** *шутл.* моҳруён, хубруён; хубон; **сильный ~** *шутл.* мардон; **слабый ~** *шутл.* занон

пол-, **пол-** *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ним», «нима», «нисф»*: **полдеревни** нисфи деҳа; **пол-оборота** нимдавр; **полдесятого** соат нуҳу ним; **пол-очка** ним хол; **пол-литра** ним литр

пол||а *ж* (*одежды*) доман, бар//(*занавеса*) канор ◇ **из-под ~ы** ба таври пинҳонӣ, ниҳонӣ, махфӣ; **торговать из-под ~ы** пинҳонӣ савдо кардан; **из ~ы в ~у** *прост.* даст ба даст; **держать под ~ой** пинҳон доштан

полага||ть *несов.* 1. *что уст.* дареғ надоштан, тамоман бахшидан 2. *что уст.* гузоштан, ниҳодан; **~ть предел** ҳад гузоштан, ҳудуд ниҳодан 3. *с союзом «что» и с прил. в тв. с неопр.* фарз (тасаввур, фикр) кардан, пиндоштан, гумон (тахмин, ҳисоб) кардан; **я ~л, что все придут вовремя** ман гумон доштам, ки ҳама дар сари вақт меоянд; **к какому времени вы ~ете вернуться?** ба фикратон кай гашта меоед? // *кого офиц.* ҳисоб (тахмин) кардан, гумон бурдан; **~ть больным** касал ҳисоб кардан ◇ **должно ~ть** *в знач. вводн. сл.* эҳтимол дорад ки..., шояд; **надо ~ть** 1) *в знач. вводн. сл.* эҳтимол дорад ки..., шояд, бояд 2) (*да, конечно*) албатта

полага||ться I *несов.* муқаррар (собит) шудан, лозим будан; **за проезд ~ется плата** бояд ҳакки киро дода шавад, барои савор шуда рафтан ҳақ додан лозим аст; **так ~ется** ҳамин тавр мебояд

полагаться II *несов.* 1. *см.* **положиться**; 2. *страд.* гузошта шудан

полади||ть *сов. разг.* созиш (мувофиқат) кардан, тифок шудан, ҳамраъй (якдилӣ) кардан; **мы с ним ~ли** мо бо у созиш кардем; **они не ~ли между собой** ситораи онҳо ба ҳам мувофиқ намомад

полазать *сов. см.* **полазить**

полазить *сов. разг.* муддате баромадан, муддате часпида (хазида, печида) баромадан; **~ по горам** куҳ ба кӯҳ гаштан

полака||ть *сов. что, чего* шулӯп-шулуп (чалп-чалп) карда хӯрдан; **котёнок ~л молока** гурбача ширро шулуп-шулӯп хурд

полакомить *сов. кого разг.* какахӯр кардан, мазахурак кардан

полакомиться *сов.* маза кардан, лаззат бурдан, даҳон ширин кардан, какахӯр шудан

поламыва||ть *несов. что и без доп. безл.* гоҳ-гоҳ (сим-сим) дард кардан; **руки и ноги у него ~ло** гоҳ-гоҳ дасту пойҳои у дард мекарданд

поласкать *сов. кого-что* муддате навозиш кардан, андак навозиш (дӯстдорӣ) кардан; **~ ребёнка** тифлро андак навозиш кардан

поласка||ться *сов.* андак эркагӣ кардан, каме ноз кардан; **собака ~лась и отошла** саг андак эркагӣ карду рафт

поластиться *сов. разг.* андаке эркагӣ (ноз) кардан

полати *тк. мн.* 1. (*для спанья*) рафи тахтагӣ (*дар зери сақфи хона барои хоб рафтан*) 2. *охот.* ҷои дидбони (*дар болои дарахт*)

по-латышски *нареч.* латышӣ, ба латышӣ

полаять *сов.* андак ак-ак (ав-ав) кардан, муддате аккос задан

полаяться *сов. прост.* ҷанг (ҷанҷол) кардан, ҳамдигарро дашном (фаҳш) додан

полбеды *ж в знач. сказ. разг.* дарди бахайр; **это ещё ~** ин ҳоло дарди бахайр аст

полбутылки *ж* нимшиша

полгоря *с в знач. сказ. разг.* дарди бахайр; **это ещё ~** ин ҳоло дарди бахайр аст

полдела *с чаще в знач. сказ. разг.* ними (нисфи) кор; **это ещё ~** ин ҳоло ними (нисфи) кор аст

полдень *м* 1. нимрузӣ, нисфирузӣ, пешин 2. *уст. поэт. и обл.* (*юг*) ҷануб

полдневный, -ая, -ое 1. ...и нимрузӣ, ...и нисфирузӣ, пешинӣ; **~ зной** гармои нисфирузӣ 2. *уст. поэт. и обл.* (*южный*) ҷанубӣ

полдник *м* хуроки (таоми) пешинӣ, пешинчагӣ

полдничать *несов. разг.* хуроки пешинӣ хурдан, пешинчагӣ хӯрдан

полдорог||и *ж* ними роҳ, нисфи роҳ, нимароҳ ◇ **остановиться на ~е** корро нимкора мондан, корро ба охир (ба субут) нарасондан, ниму нимкора мондан

полдюжины *ж* шаш дона, шаш адад; **~ ложек** шаш дона қошуқ

поле *с* 1. дашт, саҳро; киштзор, мазраа; **колхозное ~** саҳрои колхозӣ; **~ пшеницы** гандумзор; **идти ~м**

аз байни киштзор рафтан 2. майдон; **широ́кое сне́жное ~** майдони васеи барфпуш; **лётное ~** майдони парвоз ва нишастани самолёт; **футбо́льное ~** майдони футболбозӣ; **~ обстре́ла** майдони тирпаррониӣ; **магни́тное ~** *физ.* майдони магнитӣ 3. *перен.* соҳа, ҷиҳат, доира; **~ де́ятельности** соҳаи амалиёт 4. замина, асос, таҳ; **по голубо́му по́лю цветны́е узо́ры** таҳнилобию нақшҳояш ҳарранга 5. *чаще мн.* **поля́** ҳошия, канора; **тетра́дь с поля́ми** дафтари ҳошиядор; **заме́тки на поля́х** қайдҳо дар ҳошия 6. *тк. мн.* **поля́** (*шляпы*) лапар, канор, лаб 7. *охот.* шикор, сайд ◇ **~ би́твы (боя́)** майдони муҳориба, ҷанггоҳ; **~ бра́ни** *уст.* арсаи ҷанг; **~ зре́ния** доираи назар (дид); **отъе́зжее ~** *уст.* шикоргоҳи дур; **на́шего (одного́, своего́) по́ля я́года** кар додари кур, абнои ҷинс; **ищи́ ве́тра в ~** ёбу гир (*дар бораи чизи бедарак гумшуда гӯянд*); **лечь на ~ би́твы** дар майдони ҷанг шаҳид шудан

полеве́ние *с* (*по знач. гл.* **полеве́ть**) ба равияи чап моил шудан(и)

полеве́ть *сов.* ба равияи чап моилтар шудан

полёвка *ж зоол.* муши (курмуши) даштӣ, муши (калламуши) саҳроӣ

полево́д *м* мутахассиси зироаткорӣ

полево́дство *с* зироаткорӣ

полево́дческ||ий, -ая, -ое ...и зироаткор; **~ие брига́ды** бригадаҳои зироаткор

полев||о́й, -ая, -о́е 1. ...и дашт, ...и саҳро, даштӣ, саҳроӣ; **~ы́е рабо́ты** корҳои саҳро; **~ы́е цветы** гулҳои даштӣ (худрӯй); 2. *воен.* сафарӣ, сайёр; **~о́й бино́кль** дурбини сафарӣ; **~о́й го́спиталь** беморхонаи сайёр 3. *ҳамчун қисми таркибии номҳои наботот ва ҳайвонот:* **горо́шек ~о́й** нахуди хасак; **мя́та ~а́я** пудинаи кӯҳӣ; **мышь ~а́я** муши даштӣ

полегаемость *ж с.-х.* хам шудан(и), хоб рафтан(и); **~ хлебов** хам шудани гандумпоя

полега́ть *несов. см.* **полёчь** 3

полего́ньку *нареч. разг.* (*не торопясь*) шитоб накарда, саросема нашуда; оҳиста-оҳиста; **поезжа́й ~** шитоб накарда ҳай кун // (*слегка, осторожно*) андак, оҳиста, эҳтиёткорона

полегча́||ть *сов. кому и без доп. разг.* қадре беҳтар шудан, каме нағз шудан; **больно́му ~ло** аҳволи касал қадре беҳтар шуд; **на душе́ у меня́ ~ло** дилам қадре ором гирифт

полежа́||ть *сов.* андак дароз кашидан (ёзидан); каме истодан; **~ть на дива́не** дар болои нимкат андак дароз кашидан; **пусть гру́ши ещё ~т** мон, ноқҳо боз каме истанд

полёживать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ дароз кашидан, ёзидан

полезащи́тн||ый, -ая, -ое ...и муҳофизаи киштзор; **~ые лесные по́лосы** бешазори муҳофизаи киштзор

поле́зно *в знач. сказ.* фоида дорад, фоиданок (судманд, манфиатнок, муфид) аст; **купа́ться ~** оббозӣ [кардан] фоида дорад

поле́зность *ж* фоиданоки, судмандӣ, муфид будан(и), манфиат доштан(и); **~ мероприя́тия** муфид будани чораҷӯӣ

поле́зн||ый, -ая, -ое (поле́з|ен, -на, -но) 1. фоиданок, муфид, судманд, фоидабахш, манфиатбахш; **~ая де́ятельность** фаъолияти судманд; **~ое заня́тие** машғулияти манфиатбахш; **обще́ственно ~ый труд** меҳнати манфиатовари ҷамъиятӣ; **~ые ископа́емые** маъданҳои фоиданок; **коэффицие́нт ~ого де́йствия** коэффициенти амали муфид 2. *тк. полн. ф.* даркорӣ, лозима, мувофиқ; **~ая жила́я пло́щадь** ҷои истиқоматбоб ◇ **чем могу́ быть для вас поле́зен?** ба ман ягон хизмат нест магар?

поле́з||ть *сов.* 1. баромадан, хазидан; даромадан; **ко́шка ~ла на де́рево** гурба ба дарахт баромад; **ребя́та ~ли в во́ду** бачаҳо ба об даромаданд // *перен* пайдо шудан, омадан; **в го́лову ~ли вся́кие мы́сли** ба сарам хар гуна фикрҳо меомаданд 2. *разг.* (*начать*) сар (шуруъ, оғоз) кардан; **~ть в дра́ку** занозанӣ сар кардан 3. *за чем* даст бурдан (андохтан); **~ть в карма́н за спи́чками** барои баровардани гугирд даст ба киса бурдан 4. (*о волосах, шерсти*) рехтан, тулак кардан

полемизи́ровать *сов. с кем и без доп.* баҳс (мунокиша, мубоҳиса, мунозира) кардан; **~ с докла́дчиком** бо маърузачӣ мунозира кардан

поле́мик||а *ж* баҳс, мунокиша, мубоҳиса, мунозира; **вступи́ть в ~у** ба мунозира даромадан; **вести́ ~у** мунокиша кардан

полеми́ст *м* мунозиракунанда, мубоҳисакунанда, мунозирадӯст

полеми́ческ||ий, -ая, -ое 1. мубоҳисанок, баҳсталаб, ...и мубоҳиса, мубоҳисавӣ; **~ая статья** мақолаи мубоҳисанок 2. мунозираҷу, мубоҳисаҷӯ; **~ие накло́нности** мунозираҷӯӣ, мубоҳисаҷӯӣ

полеми́чность *ж* мубоҳисанокӣ, баҳсталаб (мубоҳисавӣ) будан(и)

полеми́чный, -ая, -ое (полеми́ч|ен, -на, -но) *см.* **полеми́ческий**

по-ле́нински *нареч.* ленинвор, аз руи гуфтаи Ленин, мувофиқи гуфтаҳои (таълими) Ленин, мисли Ленин

полени́ться *сов.* муддате танбалӣ (коҳилӣ) кардан, танбал будан

поле́нница *ж* ҳезуми сарҷин кардашуда, тарошаҳои ба девор чидашуда, тарошаи тайёри сухтанбоб

поле́н||о *с* (*мн.* **полё́нья**) кундан кафондашуда, ғулаи кафондашуда, тароша; **сухи́е ~ья** тарошаи хушк

поле́сье *с* пастхамии (партгоҳи) бешазор

полёт *м* парвоз; **~ снаря́да** парвози тири (гулулаи) туп; **~ раке́ты** парвози ракета; **бре́ющий ~** *ав.* парвози пасти самолёт; **пилоти́руемый ~** парвози идорашаванда; **в ~е** ҳангоми паридан; **быть в ~е** дар парвоз будан; **видна́ пти́ца по ~у** *посл.* гусолаи шуданӣ аз пояш маълум ◇ **~ мы́сли** *книжн.* парвози хаёл, қувваи тафаккур; **пти́ца высо́кого ~а** *ирон.* шахси соҳибнуфузи олирутба; **пти́ца невысо́кого (ни́зкого) ~а** *ирон.* шахси паструтба; **с [высоты́] пти́чьего ~а** 1) аз баланди 2) сатҳӣ, руякӣ, тахминӣ

полета́ть *сов.* андак парвоз кардан, муддате паридан

полете́||ть *сов.* 1. парвоз кардан, паридан, парида рафтан 2. парронда (партофта) шудан, ҳаво дода шудан; **ка́мень ~л в во́ду** санг ба об парида рафт, санг ба об афтид 3. *перен.* тохтан, тозон рафтан, давидан; **ма́льчик со всех ног ~л к до́му** бача тозон ба суи хона рафт 4. *разг.* афтодан, ғалтидан; **по́лка ~ла под тя́жестью книг** рафча аз вазни китобҳо афтид; **я поскользну́лся и ~л** ман лағжидаму парида рафтам 5. *перен. прост.* аз кор ронда шудан, аз кор холӣ (ҳай) карда шудан 6. (*о времени*) зуд гузаштан (тамом шудан), бо суръат рафтан (*дар бораи вақт*); **~ли дни за дня́ми** рӯзҳо об барин мегузаштанд ◇ **всё ~ло к чёрту** [ҳамаи] кор бар бод рафт, расвои кор баромад

полётн||ый, -ая, -ое ...и парвоз; **~ые сво́йства самолёта** хусусиятҳои парвозии самолёт

полечи́ть *сов. кого-что* андаке муолиҷа (табобат) кардан; **~ но́гу** пойро андаке табобат кардан

полечи́ться *сов.* андаке худро муолиҷа (табобат) кунондан

поле́||чь *сов.* 1. *разг.* (*о всех, многих*) хобидан, хоб кардан (рафтан); дароз кашидан, ёзидан 2. (*о многих*) ҳалок (кушта, талаф, қатл) шудан; **мно́го во́инов ~гло́ в бою́** дар ҷанг бисьёр аскар кушта шуд 3. (*о растениях*) хоб кардан; **по́сле ли́вня пшени́ца ~гла́** баъд аз сел гандум хоб кард

по́лзание *с* (*по знач. гл.* **по́лзать**) гавак кашидан(и), хазидан(и)

по́лза||ть *несов.* гавак кашидан, хазидан, гаштан; **муравьи́ ~ют вокру́г мураве́йника** мурчаҳо дар гирду пеши мурчахона миғир-миғир мегарданд; **де́ти ~ли по́ полу** бачаҳо дар руи хона гавак мекашиданд ◇ **~ть в нога́х у кого́-л.** 1) (*стоять на коленях перед кем-л.*) ба (пеши) пои касе афтодан, зону зада тавалло кардан 2) (*унижаться перед кем-л.*) дар пеши *касе* худро хор кардан; **~ть на брю́хе** *перед кем прост.* побӯсӣ кардан; **мура́шки ~ют по спине́ (по те́лу)** бадан ваҷаррос мезанад, ба бадан мурғак медавад

ползко́м *нареч.* хазида-хазида, гавак кашида, гаваккашон

полз||ти́ *несов.* 1. (*о пресмыкающихся, насекомых*) хазидан, хазида рафтан; (*о людях*) гавак кашида рафтан, ба зону рафтан 2. суст (оҳиста-оҳиста) роҳ гаштан, қадамро шумурда роҳ рафтан (гаштан), якта-якта қадам мондан; **пово́зки ~ли́ в го́ру** аробаҳо оҳиста-оҳиста ба баландӣ мебаромаданд 3. пеши (болои) чизеро гирифтан, пушондан, фаро гирифтан, шино кардан; **над реко́й ~ёт тума́н** дар болои дарьё туман шино мекунад 4. паҳн шудан;

~**ла́ молва́**, ~**ли́ слу́хи** овоза паҳн мешуд 5. *(о растениях)* дароз (паҳн) шудан; **по изгороди ~ли́ ветви виногра́да** дар руи панҷара шохаҳои ток дароз шудаанд 6. *перен.* равон (ҷорӣ) шудан, шоридан; **по лицу́ ~ли́ стру́йки по́та** аз рухсор қатраҳои арақ мешорид 7. фуру рафтан, шуста шудан; **бе́рег реки́** ~ёт лаби дарьё фуру мерезад 8. *(о тесте)* расида гузаштан, зада баромадан, дамидан, дамида баромадан; **те́сто ~ёт из ми́ски** хамир аз тағора зада мебарояд 9. *(о тканях)* тит шудан 10. *(о времени)* тӯл кашидан, оҳиста гузаштан *(дар бораи вақт)*; ~**ли́ часы́ ожида́ния** соатҳои интизорӣ оҳиста мегузаштанд 11. ба ягон тараф рафтан, паҳн шудан, печ хурдан, морпеч рафтан; **доро́га ~ла, извива́ясь, в го́ру** роҳ морпеч ба сӯи кӯҳ мерафт

ползу́н *м* 1. *(о ребёнке)* гаваккаш, гаваккашанда 2. *тех.* ползун *(қисми баъзе мошинҳо, ки лағжида ҳаракат мекунад)*

ползунко́вый, -ая, -ое *тех.* ...и ползун, лағжанда; ~ **скре́пер** скрепери лағжанда

ползуно́к *м* 1. *см.* **ползу́н** 1; 2. *мн.* **ползунки́** *(детская одежда)* либоси ғаваккашӣ, либоси бачаи гаваккунанда 3. *см.* **ползу́н** 2

ползу́ч||ий, -ая, -ее 1. хазанда, гаваккашанда 2. *бот.* печанда, печон; ~**ие расте́ния** растаниҳои печанда 3. кӯчанда, кучон; ~**ие льды** яххои кучанда ◇ ~**ий эмпири́зм** эмпиризми рӯякӣ (сатҳӣ) *(тадқиқи рӯякии ягон масъала)*; **гад** ~**ий!** мор!

поли= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «бисьёр»*: **поливитами́ны** поливитаминҳо; **полиграфи́я** полиграфия

полиа́ндрия *ж этн.* полиандрия, тааддуди издивоҷ *(бисьёр шавҳар доштан)*

полиартри́т *м мед.* полиартрит *(касалии бисьёр ё якчанд банду буғумҳо)*

поли́в *м см.* **поли́вка**

поли́ва *ж* сир *(маҳлуле, ки ба руи зарфҳои сафолӣ медавонанд ё мемоланд)*

поливале́нтный, -ая, -ое *хим.* поливалентӣ

полива́льщик *м* обпош; обьёрикунанда, обмон

полива́ние *с см.* **поли́вка**

полива́ть *несов. см.* **поли́ть** 1

полива́ться *несов. страд.* рехта шудан, об дода шудан

поливитами́ны *мн.* поливитаминҳо

поли́вка *ж* (*по знач. гл.* **поли́ть** 1) обьёрӣ, обмонӣ, обпошӣ, обдиҳӣ

поливн||о́й, -а́я, -о́е ...и обьёрӣ, обӣ, обьёришаванда; ~**о́й сезо́н** мавсими обьёрӣ; ~**о́й уча́сток** замини обьёришаванда; ~**о́е земледе́лие** зироати обӣ, зироаткории обьёришаванда

поли́вочн||ый, -ая, -ое обьёрикунанда; ~**ая маши́на** мошини обьёрикунанда

полигами́ческий, -ая, -ое *см.* **полига́мный**

полига́мия *ж* 1. *(многобрачие)* полигамия, тааддуди издивоҷ *(бисьёрзанӣ, бисьёршавҳарӣ)* 2. *биол.* полигамия *(бо бисьёр мода ҷуфтӣ кардани нар вақти як фасл)*

полига́мный, -ая, -ое ...и полигамия, ...и тааддуди издивоҷ

полигло́т *м* полиглот, бисьёрзабондон

полиго́н *м воен.* машқгоҳ, мавзеи тирпарронӣ, майдони тирандозӣ

полиго́нный, -ая, -ое *воен.* ...и машқгоҳ, ...и майдони тирандозӣ

полиграфи́ст *м* мутахассиси чоп, матбаачӣ, коргари матбаа

полиграфи́ческ||ий, -ая, -ое ...и полиграфия, полиграфӣ, ...и матбаа; ~**ое произво́дство** истеҳсоли матбаа

полиграфи́я *ж* полиграфия. корхои матбаа, корхои чоп

полиза́ть *сов. кого-что* якчанд маротиба лесидан

поликли́ника *ж* муолиҷахона, поликлиника

полимери́я *ж хим.* полимерия *(ҳодисаи химиявӣ, ки дар вақти зоҳиршавии он моддаҳои таркибан муштарак ба миқдори ду баробар, се баробар ё зиёдтар атом ва молекулаҳои яххела пайдо мекунанд)*

полиме́рн||ый, -ая, -ое *хим.* полимерӣ; ~**ые соедине́ния** пайвастҳои полимерӣ; ~**ые материа́лы** моддаҳои (масолеҳи, маҳсулоти) полимерӣ

полиме́ры *мн. хим.* (*ед.* **полиме́р** *м*) полимерҳо

полиметалли́ческий, -ая, -ое *(о руде)* полиметаллӣ *(дорои якчанд маъдан)*

полиметри́я *ж лит.* полиметрия *(дар як асари назмӣ вуҷуд доштани якчанд вазн)*

полиморфи́зм *м* полиморфизм (1. *биол. гуногуншаклии ҳайвонот ё набототи ҳамҷинс, ки шаклан аз ҳамдигар фарқи кулли доранд* 2. *хим. хусусияти дар шаклҳои гуногун шӯша бастани як модда*)

полиморфи́ческий, -ая, -ое *см.* **полимо́рфный**

полимо́рфн||ый, -ая, -ое *биол.. хим.* ...и полиморфизм, сершакл, бисьёршакл; ~**ые ви́ды пчёл** навъҳои гуногуншакли занбурҳои асал

полинези́ец *м* полинезӣ, аҳли Полинезия

полинези́йка *ж* зани (духтари) полинезӣ, зани (духтари) Полинезия

полинези́йск||ий, -ая, -ое ...и полинезӣ, ...и Полинезия; ~**ие языки́** забонҳои полинезӣ

полинези́йцы *мн.* полинезиҳо, аҳолии Полинезия

полиня́||ть *сов.* ранг паридан (рафтан), бадранг шудан; **пла́тье** ~**ло** ранги курта парид

полиомиели́т *мед.* полиомиелит, шал *(варами ҳароммағз)*

поли́п *м* 1. *зоол.* полип *(навъи ҳайвони обӣ)*; **коралловые** ~**ы** марҷонҳо 2. *мед.* озах; ~ **в носу́** озахи даруни бинӣ

поли́пн||ый, -ая, -ое... ...и полип; ...и озах; ~**ые образова́ния** 1) таркибҳои (қабатҳои) марҷонзор 2) *мед.* озах

полиритми́я *ж муз.* полиритмия *(таркиб ёфтани якчанд оҳанг дар асари мусиқӣ)*

полирова́льный, -ая, -ое ...и мухразанӣ, ...и пардоз кардан(и), ...и сайқалдиҳӣ, ...и ҷилодор кардан(и), ...и сайқалзанӣ; ~ **стано́к** дастгоҳи сайқалдиҳӣ

полирова́ние *с см.* **полиро́вка** 1

полиро́ванный, -ая, -ое 1. *прич.* пардоз кардашуда, сайқал додашуда, ҷилодоршуда 2. *прил.* сайқалноқ, ҷилодор; ~ **шкаф** ҷевони ҷилодор

полирова́ть *несов. что* пардоз (шаффоф, сайқал, ҷило) додан

полирова́ться *несов. страд.* пардоз карда шудан, ҷило дода шудан

полиро́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **полирова́ть**) пардоздиҳӣ, сайқалдиҳӣ 2. *(глянец)* ялтос, яраққос, ҷило, пардоз, шаффоф

полиро́вочный, -ая, -ое ... пардоздиҳӣ, ...и сайқалдиҳӣ

полиро́вщик *м* муҳрагар, сайқалдиҳанда

по́лис *м* санади суғурта, ҳуҷҷати васиқаи бима; **страхово́й** ~ суғуртанома

полисме́н *м* полисмен *(ходими полиция дар мамлакатҳои англисзабон)*

полиспа́ст *м тех.* полиспаст *(механизми борбардори якчанд ғарғарадор)*

полиста́ть *сов. что* андак варақ задан, муддате варақ гардондан; ~ **кни́гу** чанде китобро варақ задан

поли́стн||ый, -ая, -ое варақбайъ, аз руи варақ; ~**ая опла́та** музди варақбайъ

полит= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сиёсӣ»*: **политуправле́ние** мудирияти сиёсӣ; **политинформа́ция** ахбори сиёсӣ

политбюро́ *с нескл.* бюрои сиёсӣ; **член** ~ аъзои бюрои сиёсӣ; **кандида́т в чле́ны Политбюро́ ЦК КПСС** номзад ба аъзогии Бюрои Сиёсии КМ КПСС

полите́изм *м книжн.* политеизм, бисьёрхудоӣ

полите́ист *м книжн.* политеист, пайрави политеизм

политеисти́ческ||ий, -ая, -ое *книжн.* политеистӣ, ...и политеизм; ~**ие рели́гии** мазҳабҳои политеистӣ

политехниза́ция *ж* (*по знач. гл.* **политехнизи́ровать**) политехниконидан, политехнизация

политехнизи́рованн||ый, -ая, -ое (политехнизи́рован, -а, -о) политехниконида, политехнизацияшуда; ~**ые шко́лы** мактабҳои политехниконида

политехнизи́ровать *сов., несов. что* политехниконидан, политехнизация кардан

политехнизи́роваться *несов. страд.* политехниконида шудан

политехни́зм *м* политехнизм *(тарзи омӯзиш, ки ба воситаи он бо соҳаҳои асосии истеҳсолот ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ шиносо мешаванд)*

политéхник *м разг.* политехник *(касе, ки донишкадаи политехникиро хатм карда аст)*

политéхникум *м* техникуми (омузишгоҳи) политехники

политехни́ческ||ий, -ая, -ое политехникӣ; **~ий институ́т** институти политехникӣ; **~ое образова́ние** маълумоти политехникӣ

политзаня́тие *с* машғулияти сиёсӣ

поли́тик *м* 1. сиёсатшинос, сиёсатмадор, арбоби сиёсат, сиёсатдон; **дальнови́дный ~** сиёсатмадори дурандеш 2. *разг.* одами пухта (зирак, дидадаро); **то́нкий ~** соҳибтадбир

поли́тик||а *ж* сиёсат; **~а ми́ра** сиёсати сулҳпарварӣ (сулҳдустона); **вне́шняя ~а** сиёсати хориҷӣ; **вну́тренняя ~а** сиёсати дохилӣ; **теку́щая ~а** сиёсати ҷорӣ; **разбира́ться в ~е** сиёсатро фаҳмидан

политика́н *м неодобр.* сиёсатбоз, дасисакор, мӯҳрабоз

политика́нство *с неодобр.* сиёсатбозӣ, дасисакорӣ, муҳрабозӣ

поли́тико- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сиёсӣ»*: **поли́тико-экономи́ческий** сиёсию иқтисодӣ

поли́тико-администрати́вн||ый, -ая, -ое сиёсию административӣ; **~ая ка́рта** харитаи сиёсию административӣ

поли́тико-воспита́тельный, -ая, -ое сиёсию тарбиявӣ, ...н тарбияи сиёсӣ

поли́тико-экономи́ческий, -ая, -ое сиёсию иқтисодӣ

политинформа́ция *ж* ахбори сиёсӣ

полити́чески *нареч.* аз ҷиҳати сиёсӣ; **~ созна́тельный** аз ҷиҳати сиёсӣ шурнок

полити́ческ||ий, -ая, -ое 1. сиёсӣ, ...и сиёсат; **~ий де́ятель** арбоби сиёсат; **~ое воспита́ние** тарбияи сиёсӣ 2. давлатӣ, ҳукуматӣ, сиёсӣ; **~ое устро́йство страны́** сохти давлатӣ; **~ие права́** ҳуқуқи сиёсӣ ◇ **~ая эконо́мия** иқтисоди сиёсӣ

полити́чн||ый, -ая, -ое (полити́ч|ен, -на, -но) *уст.* ботадбир, эҳтиёткор(она); мавқеъшинос, дурандеш(она); **~ое замеча́ние** мулоҳизаи дурандешона; **~ый челове́к** одами эҳтиёткор

политкаторжа́нин *м* бадарғашудаи сиёсӣ *(касе, ки то соли* 1917 *барои фаъолияти сиёсӣ ва революционӣ аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ бадарға мешуд)*

политкаторжа́нка *женск. к* **политкаторжа́нин**

политкружо́к *м уст.* маҳфили (кружоки) сиёсӣ

политми́нимум *м* минимуми сиёсӣ

по-лито́вски *нареч.* литвонӣ, ба литвонӣ

политотде́л *м* шуъбаи сиёсӣ

политпросве́т *м* муассисаҳои маърифати сиёсӣ

политпросвеще́ни||е *с* маърифати (маорифи) сиёсӣ

политрабо́та *ж* кори сиёсӣ

политрабо́тник *м* корманди (коркуни) сиёсӣ

политру́к *м ист.* роҳбари сиёсӣ

политсе́ть *ж разг.* шабакаи маорифи сиёсӣ

политсоста́в *м* ҳайати сиёсӣ

политуправле́ние *с* идораи (мудирияти) сиёсӣ

политу́ра *ж* локи пардоз, равғани (локи) спиртнок

политучёба *ж* омузиши (машғулияти) сиёсӣ

политшко́ла *ж* мактаби сиёсӣ

поли́||ть *сов.* 1. *кого-что* рехтан, об додан (задан), обьёрӣ кардан, об мондан (пошидан); **~ть гря́дки** ба палхо об мондан; **~ть у́лицы** кучаҳоро об задан 2. ба рехтан сар кардан; **~л дождь** борон сар шуд 3. муддате (каме) боридан; **дождь ~л немно́го** и **переста́л** борон каме бориду бозмонд

поли́||ться *сов.* 1. аз боло (аз сар) рехтан; **~ться холо́дной водо́й** аз сар оби хунук рехтан 2. рехтан, омадан, боридан; **из кра́на ~ла́сь вода́** аз мил об рехт 3. *перен.* боридан, сар шудан; **~ли́сь вопро́сы и восклица́ния** саволу нидохо бориданд, борони саволу хитоб сар шуд

политэконо́м *м разг.* мутахассиси иқтисоди сиёсӣ

политэконо́мия *ж* иктисоди сиёсӣ

полифони́ческий, -ая, -ое *муз.* полифонӣ, серсадо, серовоз, серсоз

полифони́я *ж муз.* полифония, серсадоӣ, серовозӣ

полифо́нн||ый, -ая, -ое *муз.* полифонӣ, ...и полифония, серсадо; **~ая те́хника** техникаи полифонӣ

полихромати́ческий, -ая, -ое *см.* **полихро́мный**

полихро́ми́я *ж иск.* полихромия, харрангагӣ, гуногунрангӣ, бисьёррангӣ

полихро́мный, -ая, -ое *иск.* полихромӣ, ҳаррангӣ, гуногунрангӣ, бисьёррангӣ

полица́й *м разг. презр.* полицай *(шахси фурӯхташудаи аз сокинони маҳаллии дар замони Ҷанги Ватанӣ)*

полицейме́йстер *м ист.* сардори полицияи шаҳр

полице́йск||ий, -ая, -ое 1. ...и полиция; **~ий уча́сток** шуъбаи полиция 2. *в знач. сущ.* **полице́йский** *м* маъмури полиция, одами полиция 3. *перен.* полициягӣ, маҷбурӣ, ҷабрӣ; **~ие ме́тоды управле́ния** тартиби идоракунии полициягӣ

полице́йщина *ж разг. презр.* усули (тадбири, низоми) полициягӣ

поли́ция *ж* полиция

полицме́йстер *м см.* **полицейме́йстер**

поли́чн||ое *с:* **пойма́ть с ~ым** *офиц.* бо далели шайъӣ даст гирифтан, дар болои ҷиноят ба даст афтондан

полишине́л||ь *м* полишинель *(артисти театри халқии французӣ, ки рольҳои мазҳакавиро мебозад)* ◇ **секре́т ~я** сирри ошкор, сирри ба ҳама маълум

полиэтиле́н *м хим.* полиэтилен

полиэтиле́нов||ый, -ая, -ое полиэтиленӣ; **~ые мешо́чки** халтачаҳои полиэтиленӣ

полк *м* 1. *воен.* полк; **пехо́тный ~** полки аскарони пиёда; **гварде́йский ~** полки аскарони гвардия // *мн.* **полки́** *поэт.* лашкарҳо, қушунҳо; **вра́жеские ~и́** лашкарҳои душман 2. *перен. разг.* гурух, гала, туда, анбух; **це́лый ~ экскурса́нтов** як гала (гурӯх) сайёҳо ◇ **на́шего (в на́шем) ~у́ при́было** *погов.* одамони мо зиёд шуданд, сафи мо афзуд

по́лк||а I *ж* 1. раф, рафча, мино; **кни́жная ~а** рафи китоб, китобмонак 2. *ж.-д.* кат *(дар вагон)*; **ме́сто на ни́жней ~е** ҷой дар кати поён ◇ **класть (положи́ть) зу́бы на ~у** чирки дандон ҷаббидан, мӯхтоҷӣ кашидан

по́лка II *ж (по знач. гл.* **поло́ть)** хишова кардан(и); **~ гря́док** хишова кардани палхо

полко́вник *м воен.* 1. полковник *(унвони офицерӣ)* 2. *уст.* командири полк

полко́вница *ж разг.* зани полковник

полко́внич||ий, -ья, -ье ...и полковник, полковникӣ; **~ьи пого́ны** погонҳои полковникӣ

полково́дец *м* лашкаркаш, сипаҳсолор сарлашкар

полково́дческ||ий, -ая, -ое ...и лашкаркашӣ, ...и сипаҳсолорӣ, ...и сарлашкар; **~ое иску́сство** санъати (маҳорати) лашкаркашӣ

полков||о́й -ая, -ое ...и полк; **~о́е зна́мя** байраки полк

полкопе́йки *ж* нимтин, нимтинӣ

пол-листа́ *м* нимварақ

пол-ли́тра *м* ним литр, нимлитрӣ

поллю́ция *ж мед.* эҳтилом

полме́тра *м* нимметр, нисфи метр

полмину́ты *ж* нимдақиқа

полми́ра *м* нисфи дуньё, ними олам; **он объе́хал ~** ӯ ҷаҳондида шудааст

полне́йший, -ая, -ее *превосх. ст. к* **по́лный; в до́ме ~ поря́док** дар хона муназзамии комил ҳукмфармост

полне́ть *несов.* фарбеҳ шудан, гушт гирифтан

полни́||ть *несов. кого-что* фарбеҳ нишон додан; **э́то пла́тье вас ~т** ин курта шуморо фарбеҳ нишон медиҳад

по́лно 1. *нареч.* пур, лабрез, саршор, лаболаб; **~ нали́ть** лабрез кардан 2. *в знач. сказ. с неопр. разг.* бас, бас аст, кифоят (кофӣ) аст, вассалом, басанда, бас кун; **~ шути́ть!** хазлу мазоҳ бас аст!

полно́ *нареч. в знач. числ. разг.* пур (бисьёр, зиёд) аст; **в до́ме ~ наро́ду** хона пури одам; **в лесу́ ~ грибо́в** бешазор пури занбуруғ аст

полно= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «пурра», «тамом», «бисьёр», «кулл», «сер», «ҳарҷониба», «мутлақ»*: **полноте́лый** сергушт

полнове́сность *ж* 1. пурравазнӣ; **~ ги́ри** пурравазнии санги тарозу 2. *перен.* кувва, вазнинӣ, сахтӣ; **~ уда́ра** сахтии зарба 3. *перен.* асоснокӣ, эътибор-нокӣ, қотеъ (муътабар) будан(и); **~ доказа́тельств** қотеъ будани далелхо

полнове́сн||ый, -ая, -ое (полнове́с|ен, -на, -но) 1. пурравазн; **~ая моне́та** сиккаи бақурб, тангаи базарб 2. *пе-*

рен. вазнин, гарон, сангин, сахт; ~**ый удар** зарбаи сахт 3. *перен.* асоснок, маҳкам, қотеъ. муътабар; ~**ый довод** далели қотеъ (муътабар)

полновластие *с* ҳукмронии комил (пурра); ~ **народа** ҳокимияти комилан халқӣ

полновластный, -ая, -ое (полновлаc-т|ен, -на, -но) мутлақ, куллӣ; ...и кулл; ~ **хозяин** соҳиби кулл

полноводн||ый, -ая, -ое (полновод|ен, -на, -но) пуроб, сероб; ~**ая река** дарьёи пуроб (сероб)

полноводье *с* пуробӣ, серобӣ, бисьёрии об

полногрудый, -ая, -ое синакалон, синабаланд, барҷастасина

полнокровие *с* серхунӣ, мулхунӣ

полнокровность *ж* серхун будан(и), мулхун будан(и)

полнокровн||ый, -ая. -ое (полнокров|ен, -на, -но) 1. серхун, мулхун 2. *перен.* пурҷушу хуруш, рӯҳафзо, зиндадил(она); ~**ая жизнь** зиндагии пурҷӯшу хурӯш

полнолицый, -ая, -ее кулчаруй, рафидаруй, руяш сергушт

полнолуние *с* моҳи пурра (тамом), бадр, моҳи чаҳордаҳруза // айёми бадр, вақти пурраги моҳ

полнометражный, -ая, -ое пурраметраж; ~ **фильм** фильми пурраметраж

полномочи||е *с* ваколат, ҳуқуқ, ихтиёр, салоҳият; **чрезвычайные** ~**я** ваколати (ихтиёроти) фавқулодда; **облечённый** ~**ями** соҳиби ваколат; **не превышать своих** ~**й** аз ҳудуди ваколати худ таҷовуз накардан; **предоставить кому-л.** ~**я** ба ягон кас ҳуқуқ додан

полномочн||ый, -ая, -ое (полномоч|ен, -на, -но) ваколатдор, мухтор, салоҳиятдор, комилҳуқуқ; ~**ое представительство** ваколати мухтор; ~**ый посол** сафири мухтор; ~**ый представитель народа** вакили мухтори халқ; **собрание не** ~**о решать этот вопрос** дар ҳалли ин масъала маҷлис салоҳият надорад

полноправие *с* комилҳуқуқӣ

полноправность *ж книжн.* комилҳуқуқ будан(и)

полноправный, -ая, -ое (полноправ|ен, -на, -но) комилҳуқуқ; ~ **член общества** узви комилҳуқуқи ҷамъият

полностью *нареч.* тамоман, пурра, комилан, ба куллӣ; ~ **выполнить обязательства** уҳдадориро пурра иҷро кардан ♢ **целиком и** ~ ба куллӣ ва тамоман

полнот||а *ж* 1. пуррагӣ, пурӣ, мукаммалӣ; ~ **сведений** пуррагии маълумот 2. фаровонӣ, ғоят; ~**а счастья** ғояти саодатмандӣ; ~**а радости** ғояти хушҳолӣ 3. фарбеҳӣ, сергуштӣ; ~**а тела** фарбеҳии бадан ♢ **от** ~**ы души (сердца, чувств)** аз самими қалб, бо камоли майл, аз сидқи дил

полноте *см.* **полно**

полнотелый, -ая, -ое сергушт, фарбеҳ

полноценность *ж* пурбаҳо (пурқимат, пурарзиш) будан(и)

полноценн||ый, -ая, -ое (полноцен|ен, -на, -но) 1. пурбаҳо, пурарзиш, пурқимат; ~**ая монета** тангаи арзишдор 2. *перен.* хушсифат, комил, ҳақиқӣ, пурарзиш, мукаммал; ~**ые продукты** хурокворӣ хушсифат; ~**ый работник** коркуни ҳақиқӣ; ~**ое исследование** тадқиқоти пурарзиш

полночный, -ая, -ое 1. ...и ними шаб, ...и нисфи шаб, нимишабӣ, нисфишабӣ; **в** ~ **час** дар нимишабӣ 2. *уст. (северный)* шимолӣ

полночь *ж* 1. ними (нисфи) шаб; **около полуночи** қариби (наздики) нисфи шаб; **далеко за полночь** хеле вақт баъд аз нисфи шаб; як поси шаб 2. *уст. (север)* шимол

полнощный, -ая, -ое *уст. поэт. см.* **полночный**

полн||ый, -ая, -ое (полон *и уст. книжн.* полн, полна, полно) 1. пур, пуропур, лаболаб, саршор, лабрез; ~**ое ведро воды** сатили пур аз об; ~**ый бокал вина** кадаҳи лабрези май; **комната** ~**а людей** хона пур аз одам аст// *перен.* пур; **взгляд,** ~**ый радости** нигоҳи пур аз нишот; **глаза,** ~**ые слёз** чашмони пурашк (ашкбор) 2. том, мутлақ, комил, мукаммал, куллӣ; ~**ая тишина** хомушии том, оромии куллӣ; ~**ая свобода** озодии мутлақ; ~**ое доверие** эътимоди комил; ~**ое счастье** бахти том 3. том, тамом, пурра, куллӣ; **в** ~**ую силу** бо тамоми қувва (қудрат); ~**ое бездорожье** бероҳии том; ~**ое затмение Солнца** гирифти пурраи Офтоб; **миндаль в** ~**ом цвету** бодом саросар гул кардааст 4. қатъӣ, охирин, комил; **всеобщее и** ~**ое разоружение** беяроқшавии умумӣ ва пурра; ~**ая победа** ғалабаи комил 5. комил, мукаммал, пурра; ~**ый курс обучения** курси мукаммали таълим; ~**ое собрание сочинений Айни** куллиёти Айнӣ; **с** ~**ым знанием дела** бо камоли кордонӣ; **всё в** ~**ом порядке** корҳо мураттаб ва муназзам аст, ҳама кор ба ҷост 6. фарбеҳ, пурра; ~**ая женщина** зани фарбеҳ ♢ ~**ым-**~**о** пуропур, лаб ба лаб; ~**ая луна** бадр, моҳи пурра (чаҳордаҳрӯза, тамом); ~**ая средняя школа** мактаби [пурраи] миёна; ~**ая чаша** фаровонӣ, серию пурӣ, пуру паймон *(дар бораи серию пурии рузгор)*; ~**ым голосом** дилпурона, бо эътимод, муътақидона; **в** ~**ый голос** 1) *(громко)* бо тамоми овоз, бо овози баланд 2) *(открыто)* бо дилпурӣ, бо эътимод, муътақидона; **в** ~**ом параде** бо камоли карруфар; **в** ~**ом смысле слова** дар асл, ҳақиқатан; **на** ~**ом газе (газу)** *прост.* бо суръати тамом; **хлопот (забот) полон рот** *у кого* ба сар хоридан ҳам вақт надорад, кораш аз мӯи сараш ҳам зиёд аст

поло *с нескл. спорт.* чавгонбозӣ ♢ **водное** ~ туббозӣ дар об, ватерполо

пол-оборота *м нескл.* нимдавр; ~ **направо** нимдавр ба тарафи рост ~ **налево** нимдавр ба тарафи чап

полова *ж обл.* коҳреза, пешбода

половец *м* қипчоқ

половецкий, -ая, -ое ...и қипчоқ, қипчоқӣ

половик *м* намадчаи пойпоккунӣ

половин||а *ж* 1. нисф, ним(а); ~**а денег истрачена** нисфи пул сарф шуд; **во второй** ~**е года** дар нимаи дуюми сол 2. *(середина)* ним, нисф, нима, миён, миёна; **в** ~**е лета** дар миёнаи тобистон; ~**а пятого** соат чору ним аст 3. *см.* **половинка** 2; 4. *уст.* хона *(қисми алоҳидаи бино)*; **хозяйская** ~**а** хонаи хоҷаин; **на женской** ~**е** андарун ♢ **дражайшая** ~**а** *шутл.* ҳамсари азизи ман; **моя** ~**а** *шутл.* ҳамсараки (ҳамболиштаки) ман

половинка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **половина** 1; ~ **яблока** нисфаки себ 2. *(створка)* табақа; ~ **дверей** табақаи дар

половинн||ый, -ая, -ое ними, нисфи; **в** ~**ом размере** ним, нисфӣ; ~**ая цена** нисфи нарх

половинчатость *ж* нимкорагӣ, нотамомӣ, ноқатъиятӣ, муҷмалӣ; ~ **решения** муҷмалии қарор, ноқатъӣ будани қарор

половинчатый, -ая, -ое (половинчат, -а, -о) 1. *тк. полн. ф.* аз ду қисми (ҳиссаи) баробар иборат буда 2. *перен.* номуайян, ноқатъӣ, нимкора, муҷмал; ~ **ответ** ҷавоби муҷмал

половить *сов. кого-что* андак доштан, муддате даст гирифтан (дастгир кардан, сайд кардан); ~ **рыбу** муддате машғули сайди моҳӣ шудан

половица *ж* як тахтаи фарш, фаршитахта, тахтафарши хона

половник *м* кафлез, обгардон, сархумӣ

половодный, -ая, -ое ...и обхез, ...и дамидани дарьё, ...и туғьёни об

половодье *с* обхез, дамиши дарьё (об)

полов||ой I, -ая, -ое 1. фаршбоб, ...и фарши хона; ~**ые доски** тахтаҳои фаршбоб 2. ...и фаршшӯӣ, ...и фаршрӯбӣ; ~**ая тряпка** латтаи фаршшӯӣ

полов||ой II, -ая, -ое *биол.* ...и ҷинс, ҷинсӣ, ...и таносул, таносулӣ; ~**ые органы** узвҳои таносул; ~**ая зрелость** балоғат

половой III *м уст. (слуга)* пешхизматн ошхона (меҳмонхона), хизматгузори майхона

половцы *мн. ист.* қипчоқҳо

половчанка *ж ист.* зани (духтари) қипчоқ, қипчоқзан, қипчоқдухтар

половый, -ая, -ое *(о масти)* наботӣ, зардча, зардтоб *(оид ба ранги асп ва саг)*

полог *м* парда, пашшахона. чодар, чодаршаб; **опустить** ~ пардаро фуровардан // *перен. поэт.* парда, чодар, паноҳ; **под** ~**ом ночи** дар зери пардаи шаб, таҳти чодари шаб

пологий, -ая, -ое нишеб, моил, нишебдор; ~ **берег реки** соҳили нишеби дарьё

пологость *ж* нишебӣ, моилӣ; ~ **холма** нишебии теппа

положени||е *с* 1. ҷой, мавқеъ, мавзеъ, макон, маҳал, мақом; ~**е Луны** мав-

қеи Моҳ 2. ҳолату вазъият, ҳолат, тарз; **заснýть в сидя́чем** ~**и** дар ҳолати нишаст хоб кардан 3. ҳол, ҳолат, вазъият, аҳвол; **у больнóго тяжёлое** ~**е** аҳволи касал вазнин аст; **лóжное** ~**е** вазъияти ноқулай (ноҳинҷор); **находи́ться в затрудни́тельном** ~**и** дар вазъияти сахт будан 4. шароит, ҳолат, вазъият, сурати ҳол; **междунарóдное** ~**е** вазъияти байналхалқӣ; **воéнное** ~**е** ҳолати ҳарбӣ; **быть на казáрменном** ~**и** казарманишин будан 5. аҳвол, мавқеъ; ~**е человéка в óбществе** мавқеи инсон дар ҷамъият; **социáльное** ~**е** аҳволи иҷтимоӣ; **экономи́ческое** ~**е** вазъияти иқтисодӣ 6. маҷмуи қоидаҳо (қавоид), дастуруламал; ~**е о сельхозналóге** дастуруламали хоҷагӣ 7. мазмуни асосӣ; **глáвные** ~**я кни́ги** мазмуни асосии китоб ◇ ~**е хýже губернáторского** *шутл.* ҳолати танг (ноҳинҷор), вазъияти ногувор; **бамбýковое** ~**е** *прост.* вазъияти ногувор, ҳолати мушкил, сахтӣ; **хозя́ин** ~**я** соҳибихтиёр; **[быть] в** ~**и** обистан, дуҷон (вазнин, ҳомила) будан; **быть на высотé** ~**я** аз уҳдаи кор баромада тавонистан, дар адои вазифа муваффақ будан; **войти́ в** ~**е** ҳамдардӣ кардан, аҳволи *касеро* фаҳмидан; **вы́йти из** ~**я** чора (илоҷ) ёфтаи; **спасти́** ~**е** илоҷ (роҳ) ёфта додан; **до** ~**я риз напои́ть (напи́ться)** мурданивор нушондан (нушидан); **стáвить себя́ в дурáцкое** ~**е** аҳмақӣ кардан, аҳмақ шудан

полóженный, -ая, -ое 1. *прич.* таъиншуда, муқарраршуда 2. *прил.* муайян, муқаррарӣ; ~ **срок** муҳлати муайян; **в** ~ **час** дар соати муқаррарӣ, дар вақти қарорӣ

полóжим 1. *вводн. сл.* *(допустим)* фарз (гумон) кунем 2. *в знач. межд.* *(при выражении несогласия)* мебинем, хоҳем дид; **ну, э́то ещё** ~**!** ҳоло инро мебинем!

положи́тельно *нареч.* 1. ба таври мусбат, мусбат, эҷобӣ; **отвéтить** ~ ҷавоби мусбат додан // *(одобрительно)* маъқул; **отозвáться** ~ маъқул донистан 2. *разг.* қатъиян, тамоман, ҳеҷ; **он** ~ **ничегó не сдéлал** вай ҳеҷ кор накардааст

положи́тельность *ж* мусбат (эҷобӣ) будан(и)

положи́тельн||ый, -ая, -ое (положи́те|лен, -льна, -льно) 1. мусбат, эҷобӣ; ~**ое решéние** қарори мусбат; ~**ая оцéнка** баҳои мусбат; ~**ый óтзыв** тақризи мусбат 2. *(заслуживающий одобрения)* сазовори таҳсин, шоистаи таъриф; ~**ый примéр** намунаи ибрат 3. *лит.* мусбат, хуб; ~**ые óбразы ромáна** образҳои мусбати роман 4. комил, пурра, том, қатъӣ; ~**ый откáз** радди қатъӣ; ~**ый дурáк** аҳмақи гузаро 5. *мат., физ.* мусбат; ~**ая величинá** бузургии мусбат ◇ ~**ая стéпень сравнéния** *грам.* дараҷаи оддии сифат (зарф)

положи́ть *сов.* 1. *кого-что* мондан, гузоштан, ниҳодан; ~ **кни́гу на стол** китобро руи миз гузоштан; ~ **больнóго в постéль** касалро руи кат хобондан; ~ **дéньги в сберегáтельную кáссу** пулҳоро ба кассаи амонат мондан 2. *что (на музыку)* оҳанг бастан ◇ **положá рýку на сéрдце** бо дили соф, кушоду равшан; ~ **гнев на ми́лость** аз қаҳр фуромадан; ~ **конéц** *чему* қатъ кардан, хотима гузоштан; ~ **начáло** *чему* асос (ибтидо) гузоштан, ибтидои чизе будан, сар кардан; ~ **на [óбе] лопáтки когó-л.** бар касе дастболо шудан, ғолиб омадан; ~ **себé за прáвило** ба ҳукми одат даровардан; **разжевáть и (да) в рот** ~ хоида ба даҳан андохтан; **вынь да полóжь** *прост.* ҳозир деҳ, зуд деҳ; *см. тж.* **класть**

положи́ться *сов. на кого-что* умед кардан (бастан), умедвор будан (шудан), бовар кардан; **я на негó не могý** ~ ман ба у бовар намекунам; ман ба умеди у намешавам

пóлоз I *м* (*мн.* **полóзья**) 1. *(у саней)* қушқорак 2. *(брус)* ғула, ғулачӯб *(барои ғелондани чизи вазнин ба таги вай мегузоранд)*

пóлоз II *м зоол.* мори чипори безаҳр

полóк *м (в бане)* тахтакати баланд *(дар ҳаммом барои буғ додани бадан)*; аробаи чорчархаи ҳамворсатҳ

полóльник *м с.-х.* хишовакунак

полóльный, -ая, -ое *с.-х.* ...и хишова, ...и хишовакунак; ~ **агрегáт** мошини хишова

полóльщик *м с.-х.* хишовакун, хишовагар, хишовакунанда

полóльщица *женск. к* **полóльщик**

полóм *м см.* **полóмка**

поломá||ть *сов.* 1. *что* шикастан, вайрон (хароб) кардан, пора-пора кардан; ~**ть дéрево** дарахтро шикастан 2. *кого-что разг. (нанести увечье — о медведе)* бо панҷа маҷақ кардан *(оид ба хирс)* 3. *кого-что перен.* рузи касеро сиёҳ кардан, ба ғаму андуҳ (ба бадбахтӣ) гирифтор кардан 4. *что* муддате (каме) шикастан

поломá||ться *сов.* 1. шикастан, шикаста шудан: **маши́на** ~**лась** мошин шикаст 2. *разг.* қадре неву нестон (нозунуз) кардан; **он лю́бит** ~**ться** ҳама вақт нозунузаш ҳаст

полóм||ка *ж* 1. (*по знач. гл.* **поломáть** 1) шикастан(и), вайрон (хароб) кардан(и), пора-пора кардан(и) 2. шикаст, ҷои шикаст; **в станкé** ~**ок нет** ҳеҷ ҷои дастгоҳ нашикастааст

полóн *м уст. и фольк.* асорат, гирифторӣ

полонéз *м* полонез (1. *рақси поляки ва мусиқии он* 2. *асари хурди мусиқӣ*)

полони́зм *м лингв.* полонизм *(ибораи нутқ, ки дар услуби забони полякӣ сохта шудааст)*

полони́ть *сов., несов. кого-что уст. и фольк.* асир кардан, ба асир гирифтан, гирифтор кардан // *перен.* дил рабудан, мафтун (ҷазб) кардан

полоня́нин *м уст. и фольк.* асир, гирифтор

полоня́нка *женск. к* **полонянин**

полóпать *сов. что, чего и без доп. прост.* хурдан, дулунҷа задан

полóпа||ться *сов. разг.* кафидан, шикастан, муяк (дарз) рафтан; **все стакáны** ~**лись** ҳамаи стаканҳо кафиданд

полосá *ж* 1. тасма; хат, рах; ~ **желéза** тунука; ~ **матéрии** порчаи матоъ 2. қитъа, қисми фазо; **тёмная** ~ **лéса** қитъаи торики бешазор 3. из, пай, аломат 4. *(пояс)* ҷой, мавзеъ, минтақа, қитъа, замин; **чернозёмная** ~ минтақаи сиёҳзамин; ~ **огня́** ҷои тиррас 5. *уст. с.-х.* порчаи (қитъаи) замин 6. *полигр.* саҳифа 7. давр(а), арса, марҳила, муддат; ~ **удáч** давр(а)и комьёбӣ; ~ **неудáч прошлá** айёми нокомиҳо паси сар шуд

полосáтик *м зоол.* воли раҳ-раҳ, воли ало

полосáт||ый, -ая, -ое (полосáт, -а, -о) рахдор, рах-рах, ало, алобуло; ~**ая змея́** мори ало

полóск||а *ж уменьш. к* **полосá**; ~**и на плáтье** рахчаҳои курта; ~**а закáта** рахи шафақ; ~**а земли́** қитъаи замин

полоскáние *с* 1. (*по знач. гл.* **полоскáть**) чайқониш, обгардон (қатрон) кардан(и); ғарғара кардан(и); ~ **бельá** обгардон кардани ҷомашуӣ; ~ **гóрла** ғарғараи гулу 2. *(настой)* доруи даҳанчайқонӣ (ғарғара)

полоскáтельница *ж* зарфи чойнику пиёлашуӣ

полоскáтельн||ый, -ая, -ое ...и чайқониш; ~**ая чáшка** *см.* **полоскáтельница**

полоскáть *несов. что* 1. чайқондан, қатрои (обмол) кардан; ~ **бельё** ҷомашуиро обмол кардан 2. *(рот, горло)* ғарғара кардан; ~ **гóрло тёплой водóй** гулуро бо оби ширгарм ғарғара кардан 3. *тж. чем перен. (о ветре)* ҷунбондан, алвонҷ (такон) додан, ларзондан, лаппондан, ба ҳаракат даровардан; **вéтер полóщет знамёна** шамол байрақҳоро мелаппонад

полоскá||ться *несов.* 1. шалап-шулуп кардан, оббозӣ кардан; **ребя́та** ~**лись в речýшке** бачаҳо дар дарьёча оббозӣ мекарданд 2. *перен. (трепетать от ветра)* лаппидан, лаппас задан, ба ҳаракат омадан

полоснýть *сов. однокр. к* **полосовать**

полосовáть *несов.* 1. *кого-что (бить)* сахт лат задан, бераҳмона задан 2. *что тех.* тасма-тасма (тахта-тахта) буридан; ~ **желéзо** оҳанро тасма-тасма буридан

полосов||óй, -ая, -ое *тех.* тасма-тасма, тахта-тахта; ~**áя сталь** тасмапулод

полостн||óй, -áя, -óе ...и узви дохили бадан, ...и ҷавф; ~**óе ранéние** ҷароҳати ҷавф; ~**áя оперáция** ҷарроҳии узви дохили бадан; ~**áя жи́дкость** моеи ягон узви бадан, моеи таҷвиф

пóлость I *ж* 1. *анат.* таҷвиф *(ҷои воқеъшавии ягон узви бадан)*; **груднáя** ~ сари сина, қафаси (сари) дил 2. ковокӣ, холигӣ, пукӣ; ~ **бамбýка** ковокии наи ҳиндӣ

пóлость II *ж* кампали пашмин, пойпуши чармин *(онро дар фойтун ба болои пой мекашанд)*

полотéнечн||ый, -ая, -ое дастурупоккунбоб, сачоқбоб; ~**ая ткань** матои дастурупоккун, матои боби дастурупоккун, сачокворӣ

полотéнце *с* дастурупоккун, танпоккун(ак), сачоқ; **кýхонное** ~ сачоки сари дег; **махнáтое** ~ танпоккуни (рупоккуни) патдор

полотёр *м* полишгар, полишгари фарш

полотёрн||ый, -ая, -ое ...и полишгар, ...и полишгарӣ; ~**ые рабóты** полишгарӣ; ~**ая щётка** чуткаи полишгарӣ

полотнúще *с* 1. пораи (китъаи) матоъ; ~ **знáмени** матои байрақ 2. *(створка)* табақаи дар (тиреза); як мисроъи (мисраъи) дар 3. *тех.* дам, теға; ~ **пилы́** дами арра

полотнó *с* 1. матои (газвори) канабӣ (пахтагӣ), катон, суф, буз; **шёлковое** ~ шохӣ, матои шохӣ; **штáпельное** ~ матои (газвори) штапель; **сурóвое** ~ матои дурушт, карбос 2. *жив., лит.* тасвир, манзара 3. гасма; ~ **конвéйера** тасмаи конвейер 4. хокреза; роҳ; **железнодорóжное** ~ хокрезаи роҳи оҳан; **шоссéйное** ~ роҳи шоссе (сангфарш) 5. *см.* **полóтнище** 2, 3

полотнян||ый, -ая, -ое ...и катон, суф(ӣ), бузӣ, карбосӣ; ~**ая простыня** ҷойпӯши суф

полóть *несов. что* хишова кардан; ~ **грядки** ҷуякхоро хишова кардан; ~ **сорнякú** алафҳои бегонаро хишова кардан

полóться *несов. страд.* хишова карда шудан

полоýмне *с* девонагӣ, шуридасарӣ, ноқисулаклӣ

полоýмный, -ая, -ое (полоум|ен, -на, -но) девона, шуридасар, ноқисулақл

полохнýть *сов. кого-что прост.* сахт задан, зарби сахт додан

пóлочка *ж уменьш. к* **полка** I ◇ **разложúть всё по** ~**м** мураттаб ва ҷо ба ҷо гузоштан

пóлочн||ый, -ая, -ое ...и рафча, ...и миноча, ...и токча; ~**ая доскá** тахтаи рафча

полошúть *несов. кого прост.* ноором (нороҳат, мушавваш) кардан

полошúться *несов. прост.* нооором (нороҳат, мушавваш) шудан

полпúво *с уст.* оби ҷави бекувват

полпрéд *м* (полномóчный представúтель) намояндаи (вакили) мухтор

полпрéдство *с* (полномóчное представúтельство) намояндагии (ваколати) мухтор

полпутú *м* ними (нимаи, нисфи) роҳ; **вернýться с** ~ аз ними роҳ, баргаштан ◇ **бросáть на** ~ ба охир (ба субут) нарасондан, анҷом надодан

полслóва *с* ними сухан, нимкалима; ◇ **мóжно вас на** ~? ба шумо як даҳан гап дорам; **ни** ~ **не написáл** як калима ҳам нанавиштааст; *см. тж.* **полуслóво**

полтúна *ж прост. см.* **полтинник**

полтúнник *м разг.* тангаи нимсумӣ, панҷоҳтинӣ, нимсумӣ

полторá *м, с* (**полторы́** *ж*) *числ.* якуним; ~ **килогрáмма** якуним килограмм; **из полýтора мéтров** аз якуним метр; **полторы́ минýты** якуним дақиқа ◇ **ни два ни** ~ на ба он шӯрии шӯрӣ на ба ин бенамакӣ

полторáста *числ.* саду панҷоҳ; **в полýтораста шагáх** дар масофаи саду панҷоҳ қадам, саду панҷоҳ қадам онсутар

полу= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ним»:* 1) нима, ним=, нисф — **полукольцó** нимдоира 2) ним=, =аралаш, =омез — **полушерстянóй** нимпашмин(а), пашмаралаш 3) қариб, ним= — **полубессознáтельный** ниммадҳуш, нимҳушьёр

полубáк *м мор.* бак

полубессознáтельный, -ая, -ое нимм адҳуш, нимҳушьёр

полубóг *м миф.* нимхудо *(нимхудои дасотири Юнони Қадим ё худ қаҳрамоне, ки бо ягон корнома ҷовид мемонад)*

полубогиня *женск. к* **полубóг**

полуботúнки *мн.* (*ед.* **полуботúнок** *м*) ботинкаи бесоқ, туфлии (кавшии) ресмончадор, туфлии (кавшии) камарчадор

полубрéд *м* ҳазьён, музахрафот

полувагóн *м ж.-д.* вагони боркашонӣ болокушод

полувековóй, -áя, -óе нимасрӣ, нимқарнӣ, панҷоҳсола

полуглáсный, -ая, -ое *лингв.* нимсадо

полуглухóй, -áя, -óе гӯшаш вазнин, нимкар

полугóдие *с* нимсола, нисфи сол

полугодúчн||ый, -ая, -ое нимсола; ~**ые кýрсы** курсҳои нимсола

полугодовáлый, -ая, -ое нимсола, шашмоҳа; ~ **ребёнок** бачаи шашмоҳа

полугодовóй, -áя, -óе нимсола; ~ **отчёт** ҳисоботи нимсола

полугóдок *м* хайвони (чорпои) нимсола (шашмоҳа)

полуголóдн||ый, -ая, -ое нимсер, нимгурусна, нимсеру нимгурусна; **вестú** ~**ое существовáние** нимсеру нимгурусна зиндагонӣ кардан

полугóл||ый, -ая, -ое нимбараҳна, нимлуч, нимлухт; ~**ые детúшки** кудакони нимбараҳна

полугрáмотный, -ая, -ое (полугрáмот|ен, -на, -но) чаласавод, камсавод, курсавод; ~ **человéк** одами курсавод

полýда *ж* 1. калъагӣ давондан(и) 2. қалъагӣ

полýденный, -ая, -ое 1. ...и ними руз, ...и нимрузӣ, ...и нисфирузӣ; ~ **знóй** тафтбоди (гармои) нимрузӣ 2. *уст. поэт.* ҷанубӣ

полудéтский, -ая, -ое бачавор, тифлона, кудакона; ~ **пóчерк** хати бачагона

полудúк||ий, -ая, -ое нимваҳшӣ, нимваҳшиёна, нимьёбой; ~**ие племенá** қабилаҳои нимваҳшӣ

полудúть *сов.* 1. *что (покрыть полудой)* қалъагӣ давондан, қалъандуд кардан, сафед кардан (кунондан) 2. *что и без доп. (некоторое время)* муддате қалъагӣ давондан, каме сафед кардан (кунондан)

полудремóта *ж* нимхобу нимбедор будан(и)

полуживóй, -áя, -óе (полужúв, -а, -о) нимҷон, ниммурда, ниммурдашуда, нимзинда; ~ **от стрáха** аз тарс ниммурдашуда

полужúрный, -ая, -ое *полигр.* нимсиёҳ *(ҳарфҳои дараҷаи сиёҳиашон миёнаи матбаа)*; ~ **шрифт** ҳуруфи нимсиёҳ

полузабы́тый, -ая, -ое (полузабы́т, -а, -о) қариб азьёдрафта, қариб фаромушшуда

полузабытьё *с* нимбеҳушӣ, ниммадҳушӣ, нимҳушьёрӣ

полузащúта *ж спорт.* ниммуҳофизат

полузащúтник *м спорт.* ниммуҳофизатгар, муҳофизи ҳуҷумкунанда

полузнáйка *м, ж разг.* каммаърифат, камдониш, нимчасавод

полукафтáн *м* нимтана, гуппича

полукéды *тк. мн.* нимкед

полуколониáльн||ый, -ая, -ое ...и ниммустамлика, ...и ниммустамликавӣ; ~**ая завúсимость** тобеияти ниммустамликавӣ

полуколóния *ж* ниммустамлика, ниммустаъмара

полукольцó *с* нимҳалқа, нимдоира, қавс

полукочéвник *м* нимбодиянишин, нимкучнишин

полукочев||óй, -áя, -óе нимбодиянишин, нимкучнишин; ~**óе плéмя** қабилаи нимбодиянишин

полукрóвка *ж* дурага; **кобы́ла**-~ модиёни дурага

полукрóвн||ый, -ая, -ое дурага; ~**ая лóшадь** аспи дурага

полукрýг *м* нимдоира

полукрýгл||ый, -ая, -ое нимдоира, нимҳалқа, ниммудаввар, қавсӣ; ~**ое окнó** тирезаи нимдоира

полукрýжие *с см.* **полукрýг**

полукрýжн||ый, -ая, -ое *анат.* нимдоира, қавсӣ, ба шакли нимҳалқа, нимгирда; ~**ые канáлы** каналҳои қавсӣ

полукустáрник *м* нимбутта

полукустáрниковый, -ая, -ое ...и нимбутта

полулёжа *нареч.* якпаҳлу ёзида (хобида), паҳлу зада, ба як паҳлу дароз кашида; **читáть** ~ якпаҳлу хобида хондан

полулежáть *несов.* паҳлу задан, такья карда хобидан, якпаҳлу ёзидан (хобидан, дароз кашидан)

полумáска *ж* нимниқоб, нимҳиҷоб, нимбурқаъ

полумглá *ж* нимторикӣ, нимрӯшноӣ

полумéра *ж* чораи суст, тадбири нимкора, чораҷуии (иқдоми) ғайриқатъӣ

полумёртвый, -ая, -ое (полу|мёртв, -мертва, -мертвó) 1. нимҷон, ниммурда 2. берӯҳ, карахт, бемаҷол, бехаракат, беҷон; ~ **взгляд** нигоҳи берӯҳ; **он был полумёртв от стрáха** аз тарс карахт шудааст

полумéсяц *м* моҳи нав, ҳилол, моҳпора ◇ **Óбщество Крáсного Крестá и Крáсного Полумéсяца** Ҷамъияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар

полумéсячн||ый, -ая, -ое ниммоҳа, понздаҳруза; ~**ая прогрáмма** нақшаи ниммоҳа

полумрак *м* нимторикӣ, нимрушноӣ, нимсиёҳӣ
полунагой, -ая, -ое (полунаг, -а, -о) нимбараҳна, нимлуч, нимлухт
полундра *межд.* гурез!, бохабар бош!, ба боло нигар!
полуночник *м разг.* шабзиндадор, бедорхоб
полуночница *женск. к* **полуночник**
полуночничать *несов. разг.* шабзиндадорӣ кардан, бедорхоб будан
полуночный, -ая, -ое *см.* **полночный**
полуобнажённ||ый, -ая, -ое (полуобнаж|ён, -ена, -ено) нимлуч, нимбараҳна, нимлухт; **~ая женщина** зани нимлухт
полуоборот *м* нимдавр; **~ колеса** нимдаври чарх
полуодетый, -ая, -ое (полуодет, -а, -о) нимлуч, нимбараҳна
полуокружность *ж* нимдавра, нимҳалқа
полуосвещённый, -ая, -ое (полуосвещ|ён, -ена, -ено) нимравшан, камнур
полуостров *м* нимҷазира
полуостровной, -ая, -ое ...и нимҷазира, нимҷазирагӣ
полуотворенн||ый, -ая, -ое (полуотворен, -а, -о) нимкушода, нимроғ, андак яла; **~ая дверь** дари нимроғ
полуоткрытый, -ая, -ое (полуоткрыт, -а, -о) нимкушода, нимбоз, нимроғ; **~ рот** даҳани нимбоз
полупальто *с нескл.* пальтои кӯтоҳ, нимпальто
полуподвал *м* нимтаҳхона, нимзаминкан
полуподвальн||ый, -ая, -ое ...и нимтаҳхона, ...и нимзаминкан; **~ое помещение** нимтаҳхона
полупоклон *м* нимтаъзим
полуприседание *с спорт.* нимкат кардани пой
полуприцеп *м* нимьядак
полупроводник *м физ.* нимноқил
полупроводниковый, -ая, -ое *физ.* нимноқилдор; **~ прибор** асбоби нимноқилдор
полупрозрачный, -ая, -ое (полупрозрач|ен, -на, -но) нимшаффоф, камғубор,ниммусаффо
полупролетарий *м* нимпролетар, нимуздур
полупустынн||ый, -ая, -ое ...и нимбиёбон, ...и нимдашт, нимбиёбонӣ, нимдаштӣ; **~ые земли** заминҳои нимбиёбон
полупустыня *ж* нимбиёбон, нимдашт
полупьяный, -ая, -ое (полупьян, -а, -о) ниммаст, ширакайф, сархуш, нимкоракайф
полураздетый, -ая, -ое (полураздет, -а, -о) нимлуч, нимбараҳна, нимлухт
полуразрушенный, -ая, -ое (полуразрушен, -а, -о) нимвайрон, нимхароб
полураскрытый, -ая, -ое (полураскрыт, -а -о) нимкушода, нимроғ, андак яла
полусапожки *тк. мн.* музаи соққутоҳ
полусвет I *м* нимторикӣ, нимрушноӣ
полусвет II *м* иҷтимои занҳои сабукпой
полусидеть *несов.* паҳлу задан, такья карда нишастан
полуслов||о *с* 1. ними сухан, нимкалима 2. *мн.* **полуслова** гапи нимғурма, сухани (нутқи) номафҳум ◇ **замолчать на ~е (на полслове)** суханро (гапро) нимғурма кардан, дар ними сухан дам шудан; **понять с ~а (с полслова)** аз рамузи гап мақсадро сарфаҳм рафтан; **прервать (остановить) на ~е (на полслове)** суханашро (гапашро) буридан (қатъ кардан); *см. тж.* **полслова**
полусмерт||ь *ж:* **избить до ~и** мурданивор задан; **он испугался до ~и** у мурданивор тарсид
полу||сон *м* нимхобу нимбедор, ҳолати нимхобию нимбедорӣ; **я слыхал всё это в ~сне** ман ҳамаи инро нимхобу нимбедор шунида будам
полусонн||ый, -ая, -ое нимхобу нимбедор; пинак зада, пинак рафта; **с ~ым видом** хоболудона
полусотня *ж ист.* нимсадӣ *(дастаи панҷоҳнафараи аскарон)*
полусредневес *м спорт.* ниммиёнавазн
полусредн||ий, -яя, -ее *спорт.* ...и вазни ниммиёна; **спортсмен ~его веса** варзишгари вазни ниммиёна
полустанок *м* истгоҳи фаръӣ, истгоҳи хурд
полустишие *с лит.* мисраъ, сатр, фард
полусумрак *м* нимторикӣ, нимравшанӣ, хирагӣ, тирагӣ
полусух||ой, -ая, -ое нимхушк; **~ое бельё** ҷомашуиҳои нимхушк ◇ **~ое вино** шароби нимрас
полусфера *ж* нимкура
полутёмный, -ая, -ое (полу|тёмен, -темна, -темно) нимторик, камрӯшноӣ, хира, тира
полутень *ж* сояи тунук
полутон *м* 1. *муз.* нимпарда *(кутоҳтарин масофаи байни ду садо, овоз)* 2. *(цвет)* ранги хира (нимҳол, кушод)
полутора= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «якуним»*: **полуторамесячный** якуниммоҳа; **полуторагодовой** якунимсола
полуторагодичный, -ая, -ое якунимсола; **~ срок** муҳлати якунимсола
полуторагодовалый, -ая, -ое якунимсола; **~ телёнок** гусолаи якунимсола
полуторагодов||ой, -ая, -ое якунимсола; **~ая работа** кори якунимсола
полуторамесячный якуниммоҳа
полуторка *ж разг.* мошини боркаши якунимтоннагӣ
полуторн||ый, -ая, -ое якунимӣ, якунимтаӣ; **~ое одеяло** курпаи якунимӣ *(кампали болопуш, ки барои як кас калони ва барои ду кас хурдӣ мекунад)*; **в ~ом размере** дар ҳаҷми якуним баробар
полутьма *ж* нимрушноӣ, нимторикӣ
полутяжеловес *м спорт.* нимвазнинвазн
полутяжёл||ый, -ая, -ое *спорт.* ...и вазни нимвазнин; **спортсмен ~ого веса** варзишгари вазни нимвазнин
полуустав *м* нимустав *(навъи хати қадимии юнони ва славянӣ)*
полуфабрикат *м* масолеҳи нимтайёр
полуфинал *м спорт.* нимфинал; **выйти в ~** ба нимфинал баромадан
полуфиналист *м спорт.* иштироккунандаи бозии нимфинал
полуфинальн||ый, -ая, -ое *спорт.* нимфиналӣ; **~ая встреча команд** вохурии нимфиналии командаҳо
полуциркульн||ый, -ая, -ое *архит.* ...и нимдавра, нимдоира; **~ая арка** токи кавсӣ
получас *м разг.* ним соат, сӣ дақиқа
получасов||ой, -ая, -ое нимсоата; **~ая беседа** суҳбати нимсоата
получатель *м* гиранда, дарьёфткунанда
получательница *женск. к* **получатель**
получать *несов. см.* **получить**
получаться *несов.* 1. *см.* **получиться**; 2. *страд.* гирифта шудан
получени||е *с (по знач. гл.* **получить)** гирифтан(и), дарьёфт, ба даст овардан(и); ҳосил кардан(и); **~е денег** дарьёфти пул; **по ~и приказа** баробари гирифтани фармон
получить *сов. что* 1. гирифтан, дарьёфт кардан, ба даст овардан; **~ зарплату** маош гирифтан; **~ подарок** тӯҳфа гирифтан; **~ газету** рузнома гирифтан; **я получил известие** ба ман хабар омад (расид); **~ орден** бо орден сарфароз гардидан, нишон гирифтан; **~ квалификацию токаря** ба ихтисоси харроти соҳиб шудан; **~ хорошее воспитание** тарбияи хуб гирифтан; **~ права (права) гражданства** эътирофи умум пайдо кардан 2. қабул кардан, гирифтан; **~ заказ** супориш қабул кардан 3. ҳосил (истеҳсол) кардан, ба даст овардан, сохтан; **~ бензин из нефти** аз нафт бензин ҳосил кардан; **~ интересный результат** натиҷаи хуб ба даст овардан 4. бурдан, хурдан; **~ удовольствие** лаззат бурдан; **~ ранение** маҷрӯх шудан; **~ пощёчину** шаппоти (торсакӣ) хурдан 5. *разг.* гирифтор шудан; **~ насморк** зуком шудан 6. *в сочет. с сущ.:* **~ известность** машҳур шудан; **~ признание** эътибор пайдо кардан; **~ применение** истифода шудан, ба кор рафтан; **~ развитие** инкишоф ёфтан
получи||ться *сов.* 1. баромадан, ҳосил (пайдо) шудан, шудан; **снимок ~лся хороший** расм нағз баромад; **из него ~лся хороший критик** вай мунаққиди нағз шуд 2. ба амал омадан, руй додан, шудан; **~лась неприятность** нохушӣ рӯй дод
получка *ж разг.* 1. *(по знач. гл.* **получить** 1) гирифтан(и), дарьёфт кардан(и), ба даст даровардан(и) 2. *(заработная плата)* моҳона, маош, музди кор // *(получение зарплаты)* гирифтани маош
полушалок *м прост.* руймоли пашмини чоқтар, сарбанди хурди пашмин
полушари||е *с* 1. нимкура; **северное ~е** нимкураи шимолӣ 2. *анат.* (нимаи мағзи сар; **~я головного мозга** ду нимаи мағзи сар
полушёлковый, -ая, -ое нимабрешимӣ

полушерстяно́й, -а́я, -о́е нимпашмин(а)

полу́шк||а *ж уст.* як пули сиёҳ, чорьяки тин, чорьяктин(а); **за́ морем телу́шка — ~а, да рубль перево́з** *посл.* ⇌ бодинҷон арзон аст, харҷкаҳо дорад; **ни ~и** як пули сиёҳ ҳам нест

полушто́ф *м уст.* нимштоф (*шишае, ки гунҷоиши он даҳьяки сатил май мебошад*)

полушу́бок *м* пустинча, пустини кутоҳ (қадаш то зону)

полушутли́во *нареч. см.* **полушутя́**

полушутли́вый, -ая, -ое (полушутли́в, -а, -о) нимҷиддӣ, хазиломез, нимҷиддию нимшухӣ, зарофатомез

полушутя́ *нареч.* нимҷиддӣ, ҳазиломез, зарофатомез, нимҷиддию нимшухӣ

полуэскадро́н *м воен.* нимэскадрон

полуя́вь *ж* ҳолати нимхобию нимбедорӣ, нимхобу нимбедор

полфу́нта *м* нимқадок (*дусад грамм*)

полцены́ *ж*: **за ~** арзону гарон, муфт, хоки сиёҳ, ҳеҷу пуч; **купи́ть за ~** муфт харидан

полчаса́ *м* ним соат; **ждать с ~** ним соат интизорӣ кашидан; **в получасе езды́** нимсоата роҳ; **че́рез ~** баъд аз ним соат, ним соат пас; **ка́ждые ~** дар ҳар ним соат

по́лчищ||е *с* 1. фавҷ, лашкари бузург, урдуи ғоратгар; **фаши́стские ~а** урдуи ғоратгарони фашист 2. *перен.* туда, анбуҳ, издиҳом; села; **~е воро́н** селаи зоғон

полша́га *м* ним қадам; **сде́лать ~ впра́во** ним қадам ба рост гаштан

по́л||ый, -ая, -ое ковок, дарунхолӣ, муҷаввaф; **~ая тру́бка** найчаи ковок ◇ **~ые ве́ны** *анат.* рагҳои боло ва поини варидӣ; **~ая вода** оби дамида, обхез, оби сел

по́лымя *с обл.* аланга, забонаи оташ ◇ **попа́сть из огня́ да в ~** *погов.* аз барф гурехта ба борон вохурдан

полы́нн||ый, -ая, -ое ...и явшон, явшонӣ, ...и дармана, явшондор; **~ый за́пах** бӯи явшон; **~ая во́дка** араки явшонӣ

полы́новка *ж* арақи явшонӣ

полы́нь *ж* явшон, дармана

полынья́ *ж* ҷои яхнабастаи об, ҷои яхнакардаи дарьё

полысе́ть *сов.* тос (бему, кал) шудан

полыха́||ть *несов.* 1. шуълавар шудан, забона задан, аланга гирифтан 2. мунаввар шудан, шуъла задан; **~ют зарни́цы** барқ гоҳ-гоҳ шуъла мезанад

полыхну́ть *сов. однокр. к* **полыха́ть**

по́льз||а *ж* фоида, суд, манфиат, нафъ; **заня́тия спо́ртом пошли́ ему́ на ~у** машғулияти варзиш ба у фоида бахшид; **де́ло решено́ в ва́шу ~у** кор ба манфиати шумо ҳал шуд; **без вся́кой ~ы** бе ягон фоида; **извле́чь ~у** манфиат гирифтан; судманд шудан; **кака́я от э́того ~а?** аз ин чӣ нафъ?, аз ин чӣ суд?

по́льзовани||е *с* (*по знач. гл.* **по́льзоваться** 1) истифода, истеъмол, истифода бурдан(и); **пра́во ~я** ҳуқуқи истифода; **места́ о́бщего ~я** ҷойҳои истифодаи умум; **находи́ться в о́бщем ~и** дар истифодаи умум будан

по́льзовать *несов. кого-что уст.* муолиҷа (табобат, даво) кардан

по́льзоваться *несов.* 1. *чем* фоида (истифода) бурдан, истеъмол кардан, ба кор бурдан; **~ но́вым ме́тодом** усули навро ба кор бурдан; **~ метро́** метро савор шудан 2. *чем* ба манфиати (ба нафъи) худ истифода бурдан; **~ удо́бным слу́чаем** аз шароити (аз фурсати) мусоид истифода кардан 3. (*обладать чем-л.*) соҳиби *чизе* будан, доштан; **~ авторите́том** обру (эътибор) доштан; **~ свобо́дой** ҳуқуқи озодӣ доштан; **~ успе́хом** муваффақият ба даст овардан 4. *у кого уст.* (*лечиться*) худро муолиҷа кардан

по́лька I *ж* поляқзан, поляқдухтар

полька II *ж* (*танец*) полька (*ракси полька ва мусиқии он*)

по́льский, -ая, -ое 1. поляқӣ, ...и поляқҳо, ...и Польша; **~ язы́к** забони поляқӣ 2. *в знач. сущ.* **по́льский** *м уст. см.* **полоне́з**

польсти́||ть *сов.* 1. *кому и без доп.* хушомад (тамаллуқ) гуфтан, чоплусӣ (тамаллуқ) кардан 2. *кому-чему* форидан, хуш омадан, лаззат (завқ) бахшидан, писанд омадан, маъқул шудан; **ему́ ~ло внима́ние** лутфу меҳрубониҳо ба у хуш омад

польсти́ться *сов. на кого-что* фирефта шудан, болидан, хомтамаъ шудан

польщённый, -ая, -ое (польщён, -щена́, -щено́) сарфарозшуда, мамнун, болида, хомтамаъшуда, димоқчоқ; **он польщён похвало́й** у аз таърифи мамнун аст, у аз таърифу тавсиф қабат-қабат гушт гирифт

полюбе́зничать *сов. разг.* андак ширинзабонӣ кардан, каме меҳрубонӣ (иноят, лутф) кардан

полюби́||ть *сов.* 1. *кого-что* дӯст доштан, рағбат пайдо кардан, ошиқ шудан, дил бастан (бохтан); **~ть де́вушку** ба духтар дил бастан 2. *что и с неопр.* нағз дидан, муҳаббат (ишқ) пайдо кардан; **~ть му́зыку** ба мусиқӣ муҳаббат пайдо кардан; **я ~л приходи́ть сюда́** ман ба ин ҷо омаданро нағз мебинам; **я ~л э́тот го́род** ин шаҳр ба ман маъқул шуд

полюби́||ться *сов. разг.* маъқул афтодан (шудан); **он мне ~лся с пе́рвого взгля́да** у аз назари аввал ба ман маъқул шуд; **мне ~лась э́та поля́нка** ин марғзор ба ман маъқул афтод

полюбова́||ться *сов.* 1. *кем-чем, на кого-что* муддате бо шавқ тамошо кардан (аз назар гузаронидан); **я ~лся зака́том** ман шафақи шомро бо шавқ тамошо кардам 2. *повел.* **полюбу́йся, полюбу́йтесь** *разг. ирон.* бин(ед), бубин(ед), тамошо кун(ед), кайф кун(ед); **полюбу́йтесь на него́** ин одамро бинед

полюбо́вник *м уст. и прост. см.* **любо́вник**

полюбо́вница *ж уст. и прост. см.* **любо́вница**

полюбо́вно *нареч.* дӯстона, ба нағзӣ, хушӣ ба хушӣ; **~ разойти́сь** хушӣ ба хушӣ аз ҳам ҷудо шудан

полюбо́вн||ый, -ая, -ое дӯстона, ба нағзӣ, хушӣ ба хушӣ, хушу хурсандона; **~ое согла́сие** созиши дӯстона

полюбопы́тствовать *сов.* кунҷковӣ кардан, кунҷков будан, мароқ (таваҷҷуҳ) зоҳир кардан

полю́дье *с ист.* андози сарона

по́люс *м* 1. *геогр., физ.* қутб; **Се́верный ~** Қутби шимол; **отрица́тельный ~** қутби манфӣ 2. *перен.* тараф, ҷониб, самт, тарафи муқобил

по́люсный, -ая, -ое *физ.* ...и қутб, қутбӣ; **~ ток** ҷараёни қутбӣ

по́люшко *с фольк. уменьш.-ласк. к* **по́ле** 1

поля́к *м* поляқ

поляки *мн.* поляқҳо

поля́на *ж* марғзор, ялангӣ дар беша

поля́нка *ж уменьш. к* **поля́на**

поляриза́тор *м физ.* поляризатор

поляризацио́нный, -ая, -ое *физ.* поляризационӣ; **~ микроско́п** микроскопи поляризационӣ

поляриза́ция *ж физ.* поляризация (1. *хосияти дар як сатҳи муайян ҷойгир шудани мавҷҳои нур ва электромагнит* 2. *дар электродҳо ҷамъ шудани моддаҳои гуногун, ки қуввам электрикро суст мекунад*)

поляризова́ть *сов., несов. что физ.* поляризация кардан

поляризова́ться *сов., несов. физ.* поляризация шудан

поля́рник *м* қутбгард, иштирокчии экспедицияҳои қутбӣ

поля́рность *ж* 1. *физ.* қутбият 2. *перен.* муқобилият, ихтилоф, тазод; **~ мне́ний** тазодди фикрҳо

поля́рн||ый, -ая, -ое (поля́р|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* ...и қутб, қутбӣ; **~ая ночь** шаби қутбӣ; **~ое сия́ние** фаҷри шимолӣ; **~ый круг** *геогр.* доираи қутб; **~ая экспеди́ция** экспедицияи қутбӣ 2. *физ.* мутақобил; **~ая гру́ппа а́томов** гурӯҳи атомҳои мутақобил 3. *перен.* зидди ҳамдигар, мухолиф, мухталиф, ба ҳам муқобил; **~ые взгля́ды** фикрҳои мухолиф

поля́чка *ж уст. см.* **полька** I

пом= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ёрдамчӣ»*: **помбу́х** ёрдамчии бухгалтер

пома́да *ж* равғани ороиш; **губна́я ~** лабсурхкунак

пома́дить *несов. что уст.* ба мӯй равған молидан (задан)

пома́диться *несов.* 1. ба мӯй равған молидан 2. *страд.* равған молида шудан

пома́зание *с церк.* чилликкашӣ (*маросими ба пешонӣ бо равғани табаррукӣ кашидани чиллик ҳангоми тоҷгузории подшоҳон*)

пома́занник *м церк.* соҳиби тахту тоҷ (*шахсе, ки ба пешониаш бо равғани муқаддас чиллик кашида шудааст; подшоҳи ба тахт нишаста*)

пома́зать *сов.* 1. *что* молидан, андудан, андова кардан, ловидан; **~ хлеб ма́слом** ба нон равған (маска) молидан;

~ **ра́ну ма́зью** ба ҷароҳат марҳам мондан 2. *кого церк.* соҳиби тахту тоҷ кардан (*ба пешонӣ бо равғани табаррукӣ чиллик кашидан; ба тахти подшоҳӣ нишастан*) ◇ ~ **по губа́м** *кого прост.* доман бо чормағзи пуч пур кардан

пома́заться *сов.* 1. ба худ молидан, худро олондан; ~ **вазелином** ба худ вазелин молидан 2. *церк.* соҳиби тахту тоҷ шудан (*ба пешонии касе бо равғани муқаддас чиллик кашидан; подшоҳ шудан*)

помазо́к *м* равғанмолак, лифчаи равғанмолӣ

помака́ть *сов. что* андак тар кардан (ғутондан)

помалева́ть *сов. что и без доп. прост.* муддате беҳунарона нақшу нигор кардан, андаке беҳунарона сурат кашидан

помалё́ньку *нареч. разг.* (*не торопясь*) оҳиста-оҳиста, кам-кам; **пойдём** ~ биё, оҳиста-оҳиста равем // (*скромно, тихо*) як навъ, аз хок берун; **живём** ~ як навъ зиндагонӣ карда гаштем

пома́лкивать *несов. разг.* хомуш будан (мондан), гап (харф) назадан, аз гап задан худдорӣ кардан, натақ набаровардан

пома́лу *нареч. уст. прост.* (*понемногу*) андак-андак, кам-кам, оҳиста-оҳиста

пома́лчивать *несов. уст. прост. см.* **пома́лкивать**

поманежить *сов. кого-что разг.* чанде маътал кардан, муддате мунтазир кунондан

помане́житься *сов. прост.* муддате нозунуз (таннозӣ) кардан

помани́ть *сов. кого* 1. бо имову ишора чеғ задан; ~ **ребёнка к себе́** кудакро бо имову ишора ба пеши худ чеғ задан 2. *перен.* ҷалб (ҷазб) кардан, ба худ кашидан

пома́ргивать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ мижа (чашмак) задан

пома́рка *ж* ҷои ифлосшудаи дастнавис

по-маркси́стски *нареч.* марксистона, аз руи таълимоти марксизм

помаршировать *сов.* муддате бо низом қадам задан

помаслить *сов. что* андаке равған молидан (кардан); ~ **блин** ба (болои) қуймоқ равған молидан

помасси́ровать *сов. что и без доп.* муддате ходимӣ (масҳ) кардан, каме молиш додан; ~ **ру́ку** дастро каме молиш додан

пома́тыва||ть *несов. чем* гоҳ-гоҳ ҷунбондан (афшондан), каме такон додан: **ло́шадь, отбиваясь от мух,** ~**ла голово́й** асп аз магасҳо халосӣ ҷуста сар меафшонд

помаха́ть *сов. чем* муддате афшондан (ҷунбондан), каме такон додан; ~ **платко́м на проща́нье** вақти хайру хуш руймолча ҷунбондан

пома́хивание *с* (*по знач. гл.* **пома́хивать**) афшондан(и), ҷунбондан(и)

пома́хива||ть *несов. чем* гоҳ-гоҳ афшондан (ҷунбондан), каме такон додан; **соба́ка** ~**ла хвосто́м** саг думашро меҷунбонд

помаять *сов. кого прост.* қадре азоб додан, муддате хаста (безор) кардан

пома́яться *сов. прост.* кадре азоб кашидан, муддате безор шудан

помая́чить *сов.* муддате аз дур намудор будан, намоён шуда истодан, чанде падидор шудан

поме́длить *сов.* қадре сустӣ (ҳаял) кардан, ба таъхир андохтан, кашол додан, дер кардан

помеле́||ть *сов.* камоб (паст) шудан, фуромадан; **река́ заме́тно** ~**ла** оби дарьё хеле фуромадааст

помели́ть *сов. что и без доп.* андаке бур (гач) молидан

помело́ *с* ҷоруби дастадароз

помелька́ть *сов.* андак йилт-йилт (милт-милт) кардан, гоҳ-гоҳ дида шудан

помельча́||ть *сов.* 1. майда шудан, хурд(тар) шудан, реза(тар) шудан; **снег** ~**л** барф резатар шуд 2. пастоб (камоб) шудан, фуромадан; **река́** ~**ла** оби дарьё паст шуд

поме́ньше 1. *сравн. ст. к* **ма́лый** I *и к* **ма́ленький; э́тот арбу́з** ~ ин тарбуз хурдтар аст 2. *сравн. ст. к* **мало**

поменять *сов. кого-что разг.* иваз (бадал, мубодила, алиш) кардан; ~ **книги** китобҳоро иваз кардан // (*нечаянно*) саҳван алиш кардан; ~ **кало́ши** калушҳоро саҳван алиш кардан

поменя́ться *сов. кем-чем* бо ҳамдигар иваз (бадал, мубодила, алиш) кардан, додугирифт кардан; ~ **места́ми** ҷой иваз кардан // (*нечаянно перепутать*) саҳван алиш кардан

помера́нец *м* (*дерево и плод*) норинҷ

помера́нцев||ый, -ая, -ое 1. ...и норинҷ, норинҷӣ; ~**ая насто́йка** қиёми норинҷӣ, шарбати норинҷ, маи норинҷӣ 2. *в знач. сущ.* **померанцевые** *мн. бот.* норинҷиҳо

помере́ть *сов. прост.* мурдан

помере́щи||ться *сов. кому* ба хаёл омадан, ба назар намудан; **ему́ что́-то** ~**лось** ба хаёлаш чизе омад

помё́рзлый, -ая, -ое *разг.* сармозада, сармогирифта, хунукзада

помё́рз||нуть *сов.* 1. ях бастан (кардан), хунук хурдан, сармо (хунукӣ) таъсир кардан, нобуд (пажмурда) шудан; **цветы́** ~**ли** гулҳо аз хунукӣ нобуд (пажмурда) шуданд 2. хунук хурда интизорӣ кашидан; **мы** ~**ли це́лый** час **в ожида́нии** мо як соат хунук хурда интизорӣ кашидем

поме́рить *сов. что* 1. чен (андоза) кардан 2. пушида дидан; ~ **пальто́** пальторо пушида дидан

помериться *сов.* санҷидан, озмудан; ~ **си́лами** қувваи ҳамдигарро санҷидан, қувваозмоӣ кардан

помё́рк||нуть *сов.* 1. тира (торик, хира) шудан; **звёзды** ~**ли** ситораҳо хира шуданд 2. *перен.* эътибор (шукуҳ, обру) гум кардан; **сла́ва его́** ~**ла** шуҳраташ аз даст рафт

помертвё́лый, -ая, -ое беруҳ, беҷон; карахт, шахшуда

помертве́||ть *сов.* 1. беҳис (карахт, шах) шудан; **его́ лицо́** ~**ло** руяш карахт шуд; ~**ть от у́жаса** мурданивор тарсидан 2. *перен.* хушку холӣ шудан

померца́ть *несов.* андак милт-милт (йилт-йилт) кардан

помеси́ть *сов. что и без доп.* муддате сириштан, муддате аралаш (қатӣ) кардан

по́месн||ый, -ая, -ое *с.-х.* ...и дурага; ~**ые ма́тки** модиёнҳои дурага

помести́ *сов. что и без доп.* муддате руфтан, андаке руфтуруб кардан

помести́тельный, -ая, -ое (помести́те|лен, -льна, -льно) богунҷоиш, ҷодор, васеъ, кушод, фарох

помести́||ть *сов.* 1. *кого-что* гунҷондан, ҷо додан (кардан), мондан, гузоштан; ~**ть тури́стов в гости́нице** туристонро дар меҳмонхона ҷойгир кунондан; ~**ть книги в шкафу́** китобҳоро ба ҷевон[и китоб] мондан 2. *кого* даровардан, дохил (таъин) кардан, монондан; **он** ~**л сы́на в учи́лище** вай писарашро ба омузишгоҳ даровард 3. *что* гузоштан, мондан; ~**ть сбереже́ния в сберка́ссу** пасандозро ба кассаи амонатӣ гузоштан 4. *что* дарҷ кардан, ба табъ расондан, чоп кунондан; ~**ть статью́ в журна́ле** дар маҷалла мақола чоп кунондан

помести́||ться *сов.* 1. ҷой (маскан) гирифтан, сукунат кардан; ~**ться в гости́нице** дар меҳмонхона ҷойгир шудан 2. нишастан, ҷой гирифтан; **де́ти** ~**лись на дива́не** бачагон дар нимкат нишастанд 3. гунҷидан; **все ве́щи** ~**лись в чемода́не** ҳамаи чизҳо дар ҷомадон гунҷиданд

поме́стн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и мулк, мулкӣ, мулкдор; ~**ые зе́мли** заминҳои танҳоҳи мулкдор; ~**ый строй** сохти мулкдорӣ; ~**ые дворя́не** дворянинҳои мулкдор

поме́стье *с* 1. мулк, моликият; **кру́пное** ~ мулки калон 2. *ист.* мулки танҳоҳи мулкдор

по́месь *ж* 1. (*животное*) дурага; (*растение*) пайванд; ~ **ви́шни с чере́шней** пайванди олуболу бо гелос 2. *перен.* омезиш, омехта, маҳлут, таркиб

поме́сячно *нареч.* моҳ ба моҳ, моҳона, ҳармоҳа

поме́сячн||ый, -ая, -ое якмоҳа, моҳона, ҳармоҳа; ~**ая пла́та** пардохти моҳона

помё́т *м* 1. саргин, таппи 2. *с.-х., охот.* якшикамзоиш; **зайча́та одного** ~**а** заргушҳои якшикамзоиш (ҳамзод)

помё́т||а *ж* қайд, аломат, нишона; ~**ы на поля́х** қайдҳо дар ҳошия ◇ **граммати́ческая** ~**а** қайди грамматикӣ; **стилисти́ческая** ~**а** қайди услубӣ

помета́||ться *сов.* муддате худро аз як тараф ба тарафи дигар андохтан, худро ин су-он су партофтан (гаштан); бечораона ҳаракат кардан; **зверё́к** ~**лся по клетке и затих** ҷонвар дар қафас ин су-он су гашта таскин ёфт

пометить *сов. что* аломат (ишора) гузоштан, қайд (нишона) кардан; ~ **задним число́м** таърихи гузаштаро мон-

дан, бо таърихи гузашта қайд кардан

помётка *ж см.* **помёта**

помёх||а *ж* 1. монеа, сад(д), мамониат, душворӣ, халал; ~**и в работе** душвориҳо дар кор; **стать** ~**ой** монеа шудан; **без всяких помёх** бе ҳеҷ мамониат, бе душворӣ; **устранить** ~**у** монеаро бартараф кардан 2. *мн.* **помёхи** *радио* халалҳои радио

помечать *несов. см.* **пометить**

помечаться *несов. страд.* аломат (ишора) гузошта шудан

помечтать *сов.* андаке хаёл (орзу) кардан; **он любит** ~ у фикру хаёл карданро дуст медорад

помёшанный, -ая, -ое (помёшан, -а, -о) 1. девона, маҷнун, ҷиннӣ // *в знач. сущ.* **помёшанный** *м* девона, ноқисулақл, ҷиннӣ; **помёшанная** *ж* зани девона (ҷиннӣ) 2. *на ком-чём перен. разг.* шайдо, ишқбоз, дустдор; **он помёшан на бегах** у шайдои пойга аст, у пойгадуст аст

помешательство *с* девонагӣ, ҷунун, ҷиннигӣ

помешать I *сов. кому-чему* монеа шудан, халал расондан; ~ **беседе** ба суҳбат халал расондан

помешать II *сов. что* кофтан, омехтан, қатӣ кардан; ~ **кашу** шуларо кофтан

помеша||ться *сов.* 1. девона (ҷиннӣ) шудан, ақл гум кардан 2. *на ком-чём перен. разг.* шайдои (ишқбози) *чизе* шудан; **он** ~**лся на шахматах** у шайдои шоҳмотбозӣ аст

помёшивать *несов. что и без доп.* гоҳ-гоҳ кофтан (омехтан), гоҳ-гоҳ қатӣ кардан; оҳиста кофтан; ~ **кашу** шуларо оҳиста кофтан

помешкать *сов. разг.* қадре дер мондан, андак ҳаял (таъхир) кардан

помещать *несов. см.* **поместить**

помеща||ться *несов.* 1. *см.* **поместиться**; 2. ҷой гирифтан, воқеъ будан; **редакция журнала** ~**ется на втором этаже** идораи маҷалла дар қабати дуюм воқеъ аст

помещёние *с* 1. (*по знач. гл.* **поместить**) ғунҷондан(и), ҷой додан(и), ҷой кардан(и), гузоштан(и); ~ **средств в строительство** гузоштани маблағ ба сохтмон 2. манзил, ҷо, хона, бино; **жилое** ~ истиқоматгоҳ; ~ **для скота** оғил

помёщик *м* помещик, мулкдор, бой, заминдор; **крупный** ~ заминдори калон

помёщица *ж* 1. *женск. к* **помёщик**; 2. (*жена помещика*) завҷаи (ҳамсари) заминдор

помёщич||ий, -ья, -ье ...и мулкдор, ...и бой, ...и помещик; ~**ья усадьба** работи мулкдор; ~**ья собственность** моликияти заминдор

помигать *сов.* муддате мижа (чашм) задан, чанд бор чашмакӣ задан; андак милт-милт кардан

помидор *м* (*растение и плод*) помидор

помидорн||ый, -ая, -ое ...и помидор; ~**ая рассада** кучати помидор

помиловани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **помиловать**) 1) афв, тараҳҳум, бахшиш, аз гуноҳ гузаштан(и); **просить** ~**я** афв пурсидан 2. *юр.* афв кардан(и), аз ҷазо озод кардан(и), мулоимтар кардани ҷазо

помил||овать *сов. кого* 1. афв (тараҳҳум) кардан, бахшидан, аз гуноҳ гузаштан 2. *юр.* афв кардан, аз ҷазо озод кардан, ҷазоро бекор (мулоимтар) кардан; ~**овать преступника** гунаҳкорро афв кардан 3. *повел.* **помилуй(те)** *разг.* бубахш(ед), маъзур дор(ед), афв фармо(ед); ~**уйте, он этого не говорил** бубахшед, вай ин гапро нагуфтааст

помилосёрдствовать *сов. уст.* 1. тараҳҳум (шафқат) кардан, лутф фармудан 2. *повел.* **помилосёрдствуй(те)** *см.* **помиловать** 3

помимо *предлог с род.* 1. [ба] ғайр аз, дар зимни ин; ~ **всего прочего** ба ғайр аз ҳамаи чизҳои дигар; ~ **того, что...** ба ғайр аз он ки... 2. бе, қатъи назар, гузашта аз он, бидуни...; **это произошло** ~ **меня** ин кор (ҳодиса) дар ғайби ман руй додаст

помин *м уст. и прост. см.* **поминовёние**; на ~ **души** дуои фотиҳа ба арвоҳҳо, зикри хайр ◇ и ~**у нет** *о ком-чём* на пай ҳаст, на Ҳайдар; **об этом и** ~**у не было** ин чизҳо дар гушаш хотир ҳам набуданд; **и в** ~**е нет** *кого-чего* ному нишонаш намонд; **дождя и в** ~**е не было** аз борон нишонае ҳам набуд; **лёгок на** ~**е** чубро гиру гурбаро ёд кун

поминальный, -ая, -ое *уст. и церк.* ...и худой, ба хотири марҳум; ...и хайрот, ...и эҳсон; ~ **обёд** оши худои

поминание *с* 1. (*по знач. гл.* **поминать**) ёдоварӣ, ёд кардан(и), ба хотир овардан(и) 2. *церк.* дар ҳаққи мурдаву зинда дуо (фотиҳа) хондан(и), дуои раҳмат хондан(и)

помина||ть *несов.* 1. *кого-что, о ком-чём уст.* ёд (ёдоварӣ) кардан, ба ёд (ба хотир) овардан; ~**ть добрым словом** ба некӣ ёд кардан // *разг.* ном бурдан, зикр кардан; **мы вас здесь** ~**ли** мо дар ин ҷо шуморо ном бурдем 2. *кого рел.* дуои нек (хайр) хондан; ба арвоҳ фотиҳа хондан; ~**ть за здравие** дуои нек кардан, саломатӣ талабидан; ~**ть за упокой** ба арвоҳ фотиҳа хондан 3. *кого рел.* оши худой додан; оши худои хурдан ◇ ~**й как звали** на пай ҳаст, на Ҳайдар

поминаться *несов. страд.* ёд карда шудан, ба хотир оварда шудан

поминки *тк. мн. рел.* оши худой, худой, хайрот

поминовёние *с* (*по знач. гл.* **поминать** 2) дуои нек (хайр) хондан(и); ба арвоҳ фотиҳа хондан(и)

поминок *м уст.* инъом, ёдгорӣ, ҳадья

поминутно *нареч.* ҳар дақиқа, дақиқа ба дақиқа, лаҳза ба лаҳза, ҳар лаҳза, муттасилан; ~ **хлопала дверь** ҳар дақиқа дар тақаррос мезад

поминутн||ый, -ая, -ое 1. ҳардақиқаина, аз руи (аз ҳисоби) ҳар дақиқа; ~**ая плата за телефонные разговоры** музди ҳардақиқаинаи гуфтугуи телефонӣ 2. ҳардақиқагӣ, ҳарлаҳзагӣ, муттасил; ~**ые вызовы** даъвати ҳардақиқагӣ (ҳарлаҳзагӣ)

помирать *несов. см.* **помереть** ◇ ~ **со смеху** аз ханда рудакан шудан

помирить *сов. кого-что* оштӣ додан (кардан), сулҳ кунондан (додан); ~ **отца с сыном** падару писарро оштӣ додан

помирй||ться *сов.* 1. *с кем-чем и без доп.* оштӣ шудан, сулҳу сафо кардан; **друзья** ~**лись** дустон оштӣ шуданд 2. *с чем* тоқат (таҳаммул) кардан, тоб овардан, дандон ба дандон мондан; **он** ~**лся с происшедшим** вай ба воқеаи руйдода тоб овард

помнить *несов. кого-что, о ком-чём* дар хотир (дар ёд) доштан, аз хотир набаровардан, фаромуш накардан; **насколько я помню** чӣ тавре ки дар хотир (дар ёд) дорам ✓ не ~ **себя** *от чего* саргаранг шудан, худро гум кардан; **не** ~ **себя от гнёва** аз ғазаб худро гум кардан; **не** ~ **себя от радости** аз шодӣ ба пероҳан нагунҷидан

помнит||ься *несов.* 1. ба ёд (ба хаёл, ба хотир) омадан, дар хотир будан 2. *3 л. ед.* **помнится** *в знач. вводн. сл.* дар ёд (дар хаёл, дар хотир) дорам; ~**ся, я здесь бывал** дар хотир дорам, ки ман ин ҷойҳоро дида будам

помнящий, -ая, -ее: не ~ **родства** 1) *уст.* ятими бепадару беватан, беаслу насаб 2) шахси курнамак

помногу *нареч.* хеле, бисьёр, мул; дуру дароз; **мы** ~ **бесёдовали** мо дуру дароз суҳбат мекардем

помножать *несов. см.* **помножить**

помножаться *несов. страд.* зарб карда шудан

помножить *сов. что на что* 1. зарб задан (кардан) 2. зиёд кардан

помога *ж уст. и прост.* ёрӣ, мадад, кумак

помогать *несов. см.* **помочь**

по-моему *нареч.* 1. (*так, как я хочу, поступаю*) аз руи хоҳиши ман, чунон ки ман мехоҳам, аз руи майли ман; **делайте** ~ чунон ки ман мехоҳам, он тавр кунед; **будет** ~ гуфти (хости) ман мешавад 2. *в знач. вводн. сл.* (*мне кажется, я думаю*) ба фикри (ба назари, ба хаёли) ман, ба ақидаи ман; ~, **пора идти** *ба фикри ман* вақти рафтан шуд

помо||и *тк. мн.* юндӣ, оби чиркин, чиркоб, мағзоба // *перен. разг.* оби раббано (*дар бораи хуроки бемаза*) ◇ **обливать кого-л.** ~**ями** касеро сиёҳ (бадном) кардан

помойка *ж разг.* чуқурии (ҷои) ахлот, ахлотпарто

помойн||ый, -ая, -ое ...и ахлот; ...и юндӣ; ~**ое ведро** сатили юндӣ

помокнуть *сов.* муддате тар шудан, тар шуда истодан; ~ **под дождём** муддате дар зери борон истода тар шудан

помол *м с.-х.* 1. орд кашидан(и), орд кардан(и); **пустить мельницу для** ~**а** осиёбро ба кор даровардан 2. (*качество муки*) навъи орд; **мука крупного** ~**а**

орди дурушт; **мука́ то́нкого ~а** орди маҳин 3. миқдори ғаллаи ордшуда

помо́лвить *сов. кого с кем, за кого уст.* номзад (фотиҳа, ноншиканон) кардан

помо́лвка *ж (по знач. гл.* **помо́лвить)** номзад кардан(и), ноншиканон

по-молда́вски *нареч.* молдавӣ, ба молдавӣ, молдаванӣ, ба молдаванӣ

помоли́ться *сов.* 1. дуо (ибодат) кардан, намоз хондан 2. муддате ибодат кардан (намоз хондан)

помоло́гия *ж с.-х.* помология *(илми мевапарварӣ)*

помолоде́||ть *сов.* ҷавон(тар) шудан (тофтан); **он о́чень ~л** ӯ хеле ҷавон метобад

помолоти́ть *сов.* 1. *что и без доп.* муддате кӯбидан (куфтан), андаке хирман (ғалла) куфтан 2. *что прост.* ғаллакубиро тамом кардан (анҷом додан)

помоло́ть *сов.* 1. *что и без доп.* муддате орд кашидан (кӯфтан) 2. *что прост.* ордкаширо ба охир расондан

помолча́ть *сов.* андак вақт хомӯш будан, муддате сокит мондан

помо́льн||ый, -ая, -ое ...и ордкашӣ, ...и орд кардан(и); **~ое обору́дование** таҷҳизоти ордкашӣ, асбобу анҷоми ордкашӣ

помо́льщик *м* ордкаш

по-монго́льски *нареч.* муғулӣ, ба муғулӣ

помо́р *м* помор; *см.* **помо́ры**

поморга́ть *сов.* муддате мижа задан, андаке чашм (чашмак) задан; чанд бор имову ишора кардан

помо́рец *м см.* **помо́р**

помори́ть *сов. кого* 1. муддате азоб (азият) додан 2. *разг. (всех, многих)* куштан, маҳв кардан, кир (қатли ом) кардан; **~ мыше́й** мушҳоро заҳр дода куштан

помо́рка *ж* помордухтар, поморзан; *см.* **помо́ры**

помо́рник *м зоол.* моҳихураки шимолӣ

поморо́зить *сов.* 1. *кого-что* муддате ях кунондан (бандондан) 2. *что (всё, многое)* хунук (сармо) занондан; **~ цветы́** гулҳоро хунук занондан; **~ щёки** рӯйро хунук занондан

поморо́си||ть *сов.* муддате сим-сим боридан; **~л до́ждик** борон сим-сим борид

помо́рск||ий, -ая, -ое ...и поморҳо; **~ие ло́дки** қаиқҳои поморҳо; **~ие селе́ния** ноҳияҳои поморҳо; *см.* **помо́ры**

помо́рщить *сов. что* чин кардан, чиндор (чин-чин) кардан, бурма кардан; **~ лоб** пешона чин кардан

помо́рщиться *сов.* рӯй турш кардан; рӯ бурма кардан, гиреҳ бар абру задан

помо́ры *мн.* поморҳо *(сокинони маҳаллии рус дар канори баҳрҳои Сафед ва Баренц)*

помо́рье *с* маҳалли атрофи (назди) баҳр

помо́ряне *мн.* сокинони соҳили баҳр

помо́рянин *м* сокини (аҳли) соҳили баҳр

помо́рянка *женск. к* **помо́рянин**

помо́ст *м* 1. *(площадка из досок)* тахтасуфа, саҳни тахтагин 2. *уст. (место казни)* қатлгоҳ

помота́ть *сов.* 1. *что* муддате печондан, печонда тайёр кардан 2. *чем разг.* ҷунбондан, такон (алвонҷ) додан, ҳаракат кунондан; **~ голово́й** сар ҷунбондан

помота́||ться *сов. разг.* 1. муддате давуғеҷ (такопӯ, тараддуд) кардан, саргардон шудан, ташвиш кашидан; **он ~лся с э́тим де́лом** ӯ бисьёр вақт бо ин кор саргардон шуд 2. муддате овора гаштан, дар ба дар гаштан; **он ~лся по све́ту** вай овораи ҷаҳон шуд

по́моч||и *тк. мн.* 1. тасма, банд *(барои овехтан ё бастани ягон чиз)* 2. *см.* **подтя́жки** ◇ **быть (ходи́ть) на ~а́х у кого́-л.** думрави касе будан; **води́ть на ~а́х кого́-л.** асокаши кур шудан, кӯр ба асо шудан

помочи́ть *сов.* 1. *кого-что* тар кардан 2. тар карда мондан, муддате дар об мондан; **~ селёдку** селёдкаро тар карда мондан

помочи́ться *сов.* пешоб кардан, шошидан, шоша (мезак) кардан

по́мочь *ж уст. и обл.* 1. *см.* **по́мощь;** 2. *чаще мн.* **по́мочи** ҳашар ◇ **бог ~!** монда нашавед! мондаҳо!

помо́чь *сов.* 1. ёрӣ додан (расондан), ёрмандӣ (кӯмак) кардан, мадад расондан; **~ това́рищу** ба рафиқ ёрӣ додан; **~ встать** ба хестан кумак кардан; **~ деньга́ми** ёрии пулӣ додан 2. натиҷа бахшидан, фоида (нафъ) кардан; **напомина́ния помогли́** таъкидҳо кор доданд; **ка́пли не помогли́** доруи чакра нафъ накард ◇ **~ го́рю (беде́)** аз душворӣ халос кардан; дар рӯзи дармондагӣ дасти ёрӣ дароз кардан

помо́щник *м* 1. дастьёр, мададгор, ёвар, ёридиҳанда, кумаккунанда; **он мне во всём ~** вай дар ҳама кор ба ман дастьёр аст 2. ноиб, ёрдамчӣ; **~ ма́стера** ёрдамчии усто

помо́щница *женск. к* **помо́щник** 1

по́мощ||ь *ж* ёрӣ, ёрмандӣ, мадад, имдод, кӯмак; **получи́ть ~ь** ёрӣ гирифтан; **оказа́ть ~ь** мадад расондан; **взыва́ть о ~и** имдод талабидан; **медици́нская ~ь** ёрии тиббӣ; **пе́рвая ~ь** ёрии аввалин; **ско́рая ~ь** ёрии таъҷилӣ; **вое́нная и экономи́ческая ~ь** ёрии ҳарбӣ ва иқтисодӣ; **прийти́ на ~ь** ба ёрӣ омадан (расидан); **на ~ь!** вой дод!, ёрӣ диҳед!; **при чьёй-л. ~и** ба воситаи касе; **не в ~ь** *кому* барабас, беҳуда

по́мп||а I *ж* карруфар, дабдаба, ҷоҳу ҷалол, ҳашамат; **встре́тить кого́-л. с ~ой** касеро бо дабдаба пешвоз гирифтан

по́мпа II *ж* асбоби обкашӣ, помпа

помпаду́р *м ирон.* маъмури худдонам

помпаду́рский, -ая, -ое *ирон.* ...и маъмури худдонам

помпаду́рство *с ирон.* маъмурии худдонам

помпаду́рша *ж ирон.* зани (маҳбубаи) маъмури худдонам

помпе́зность *ж* карруфар, дабдаба, ҷоҳу ҷалол, ҳашамат

помпе́зн||ый, -ая, -ое бокарруфар, бодабдаба, боҳашамат; **~ая встре́ча** истиқболи боҳашамат

помпо́н *м* пӯпак

помрача́ть *несов. см.* **помрачи́ть**

помрача́ться *несов.* 1. *см.* **помрачи́ться;** 2. *страд.* хира (тира) шудан; хафа (малул) шудан

помраче́ние *с* хира (тира) шудан(и), хирашавӣ, тирашавӣ ◇ **ума́ (уму́)**

помраче́нье *уст.* аҷоиб, ҳайратафзо, таҷҷубовар

помрачи́||ть *сов.* 1. *что уст.* хира (тира) кардан 2. *кого перен.* хафа (ғамгин, афсурда, ношод, малул) кардан; **забо́ты ~ли его́** ташвишу заҳмат вайро афсурда карданд 3. *кого-что перен. уст.* аз ҳама гузарондан (пеш гузаштан), аз ҳама пешдаст (бартар) шудан, дар ҳайрат гузоштан

помрачи́||ться *сов.* 1. *уст.* хира (тира) шудан, камнур шудан // *(о зрении)* камнур (камқувват, заиф) шудан *(дар бораи чашм)* 2. *перен.* хафа (ғамгин, афсурда, малул) шудан; **его́ взгляд ~лся** дар нигоҳи ӯ осори ғамгинӣ пайдо шуд ◇ **рассу́док ~лся** ақл тира (хира) шуд

помрачне́||ть *сов. (о человеке)* хафа (ғамгин, малул, андӯҳгин) шудан // *(о природе)* тира (абролуд) шудан; **не́бо ~ло** осмон тира шуд

помузици́ровать *сов. уст.* андак соз навохтан (задан), муддате мусиқӣ навохтан, муддате бо мусиқӣ шуғл кардан

помурлы́кать *сов.* андаке ғурунг-ғурунг (хур-хур) кардан; муддате паст-паст суруд хондан (замзама кардан)

пому́слить *сов. что прост. см.* **помусо́лить**

помусо́лить *сов.* андаке оби даҳанро равондан, каме бо оби даҳон тар кардан; **~ па́лец** ангушт бо оби даҳон тар кардан

помути́||ть *сов. что* 1. каме тира (хира) кардан; кадре лой (гилолуд) кардан; **~ть во́ду** обро каме лой кардан 2. *перен.* хира (тира) кардан; **нестерпи́мая боль ~ла его́ рассу́док** дарди тоқатфарсо ақли ӯро хира кард

помути́||ться *сов.* 1. тира (хира) шудан, лой шудан, гилолуд (лойолуд) шудан 2. *перен.* хира (тира) шудан; **созна́ние ~лось** шуур (ақл) тира шуд; **у него́ ~лось в глаза́х** *безл.* пеши чашмонаш сиёҳӣ зад; **у него́ ~лось в голове́** *безл.* сараш гиҷ шуд

помутне́ние *с (по знач. гл.* **помутне́ть)** хира (тира) шудан(и); лойолуд (гилолуд, лойка) шудан(и); **~ созна́ния** хира шудани ақл

помутне́||ть *сов.* 1. хира (тира) шудан, лойолуд (гилолуд) шудан; **вода́ ~ла** об лойолуд шуд 2. *перен.* хира (тира) шудан, норавшан шудан, мубҳам шудан; **глаза́ ~ли** чашмҳо хира шуданд

пому́чить *сов. кого-что* муддате азоб додан (озурдан), каме озор расондан

пому́читься *несов.* муддате азоб (азият) кашидан

помуштрова́ть *сов. кого-что* муддате таълими дурушту дағали ҳарбӣ додан; кӯр-кӯрона аз ёд кунондан

помча́||ть *сов.* 1. *кого-что* бо суръат (шитобон, зуд) бурдан; **ло́шади ~ли нас к до́му** аспҳо моро зуд ба хона бурданд 2. *разг. см.* **помчаться**

помча́||ться *сов.* (*поехать*) бо суръат (шитобон) рафтан, тез ҳаракат кардан // (*побежать*) давида (дартоз) рафтан, бо суръат тохтан; **соба́ки ~лись за за́йцем** сагҳо аз паси заргӯш дартоз рафтанд; **брат ~лся за до́ктором** бародарам тозон барои овардани духтур рафт

помыка́ть *несов. кем* ҷабр (зулм) кардан, тазьик додан, хор (хору зор) кардан

помы́каться *сов. разг.* муддате азоб кашида гаштан, дар ба дар гаштан, овора (саргардон) шуда гаштан; ~ **по све́ту** овораи ҷаҳон шудан

помы́лить *сов. кого-что* собун задан; ~ **го́лову** ба сар собун задан

помы́литься *сов.* ба худ собун задан

по́мыс||ел *м* фикр, андеша, хаёл, ният; **та́йные ~лы** нияти ниҳонӣ

помы́слить *сов. см.* **помышлять**

помыта́рить *сов. кого разг.* муддате азоб (озор) додан

помыта́риться *сов. разг.* муддате азоб (озор) дидан

помы́ть *сов. кого-что* шустан, шустушу кардан; ~ **посу́ду** зарфҳоро шустан

помы́ться *сов.* шустушу кардан, оббозӣ (ғусл) кардан

помыча́ть *сов.* муддате маос (баас) задан

помышле́ние *с уст. и книжн.* фикр, андеша, хаёл, қасд, ният

помышля́ть *несов. о ком-чём или с неопр.* фикр (орзу, хаёл, андеша, қасд, ният) доштан (кардан)

помя́нутый, -ая, -ое 1. *прич.* ёд кардашуда, ба ёд (ба хотир) овардашуда, ёдоварӣ шуда 2. *прил.* ном бурдашуда, зикршуда, мазкур, номбурда ◇ **не тем будь помя́нут** афсӯс, ки суханони нохуш гуфтан лозим меояд; ғайбаташ не, сифаташ

помян||у́ть *сов. кого-что чем* ёд (ёдоварӣ) кардан, ба ёд (ба хотир) овардан; **~у́ть до́брым сло́вом** ба некӣ ёд кардан ◇ **~и́те моё сло́во** ман гуфтам, шумо шунидед; гуфти ман мешавад, ана мебинед; **он не вернётся, ~и́те моё сло́во** вай барнамегардад, ана мебинед, гуфти ман мешавад

помя́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ғиҷим (пачақ) кардашуда 2. *прил.* ғиҷим, маҷақ, пачақ; **~ая шля́па** кулоҳи ғиҷимшуда 3. *перен.* пажмурда, бетароват, куфташуда; **~ая физионо́мия** руи пажмурда

помя́ть *сов.* 1. *что* ғиҷим (маҷак, пачақ) кардан; поймол (пахш) кардан; ~ **пла́тье** либосро ғиҷим кардан; ~ **траву́** алафро поймол кардан 2. *кого-что* фушурда (сикконда) пахш кардан, маиб кардан; **медве́дь помя́л ему́ рёбра** хирс қабурғаашро пахш карда маиб кард ◇ ~ **бока́** *кому прост.* зарбу лат кардан

помя́ться *сов.* ғиҷим (маҷак, пачақ) шудан, чин-чин шудан, чин андохтан; поймол (пахш) шудан, дудила шудан, печутоб хӯрдан

пона- *приставка префиксест, ки тадриҷан зиёд шудани ягон чизро нишон медиҳад:* **понае́хать** тадриҷан омадан, бисьёр омадан; **понастро́ить** тадриҷан сохтан, бисьёр бино кардан

понаблюда́ть *сов. кого-что, за кем-чем* мушоҳида (муоина) кардан; назорат кардан; ~ **за рабо́той** ба кор назорат кардан

понабра́ть *сов. что, кого-чего разг.* гирифтан, чидан, ҷамъ (ғун, туп) кардан; ~ **ягод** меваи буттагӣ чидан

понабра́||ться *сов. разг.* бисьёр шудан, ҷамъ (ғун, туп) шудан, зиёд шудан, афзудан; **наро́ду ~лось мно́го** одами бисьёре ҷамъ шуд; **отку́да он ~лся тако́й премýдрости?** дар вай ин қадар ҳунар аз куҷост?

понаброса́ть *сов. что, чего разг.* кам-кам партофтан, тадриҷан андохтан; ~ **вся́кого му́сору** ахлоти бисьёрро партофтан

понаве́даться *сов. к кому-чему разг.* 1. (*посетить*) рафтан 2. *прост.* (*осведомиться*) хабар гирифтан

понавез||ти́ *сов. что, кого-чего разг.* бисьёр овардан, оварда туда (ғун, туп) кардан; **~ли́ вся́кого това́ру** ҳар гуна моли бисьёре оварданд, ҳар хел молҳо оварданд

понавести́ *сов. что, кого-чего разг.* тадриҷан овардан, оварда ғун (ҷамъ, туп, туда) кардан, бисьёр овардан; ~ **прия́телей** якчанд рафиқони худро (ошноҳоро) овардан

понаве́шать *сов. что, чего разг.* бисьёр овехтан (задан, часпондан); ~ **карти́н** ба девор сурати бисьёре задан

понавида́ться *сов. кого-чего разг.* хеле чиз дидан, бо мурури замон бисьёр чизҳоро дидан

понагляде́ться *сов. см.* **понасмотре́ться**

понагна́||ть *сов. что, кого-чего разг.* ҳай карда ҷамъ кардан, ҳай карда (ронда) овардан; **~ли лошаде́й** аспҳоро ҳай карда оварданд

по-над *предлог с тв. фольк. и обл.* бар болои..., кад-кад и..., лаб-лаби...; ~ **ре́чкой** қад-қади дарьё

понаде́лать *сов. что, чего разг.* 1. бисьёр сохтан (кардан), хозир (тайёр) кардан; ~ **игру́шек** бозичаҳо сохтан 2. *разг.* расондан, кардан, додан, мондан; ~ **хлопо́т** ташвиш додан

понаде́яться *сов. на кого-что и с неопр. разг.* умед бастан (кардан), умедвор шудан; бовар (эътимод) кардан; ~ **на други́х** ба умеди дигарон шудан

понадо́биться *сов.* даркор (лозим, зарур) шудан

понае́хать *сов. разг.* тадриҷан омадан, бисьёр омадан

понанести *сов. что чего разг.* 1. тадриҷан овардан, бисьёр овардан 2. (*о птицах*) тухм кардан (зоидан, мондан)

понапра́сну *нареч. разг.* 1. беҳуда, барабас, бекор, бефоида; **ты ~ тра́тишь вре́мя** вақтро беҳуда мегузаронӣ 2. бе асос, бе сабаб, бе ваҷҳ, ноҳақ, беҳуда; ~ **оби́деть** беҳуда ранҷондан

понаслы́шке *нареч. разг.* аз рӯи шунид, аз рӯи миш-миш, аз руи овоза, аз гуфти мардум; **знать ~** аз рӯи шунид донистан

понасмотре́||ться *сов. кого-чего, на кого-чего разг.* бисьёр дидан, серӣ тамошо кардан; аз дидан сер шудан; **он ~лся за свою́ жизнь** ӯ дар умри худ бисьёр чизҳоро дидааст

понаста́вить *сов. кого-что, чего разг.* бисьёр чизҳоро мондан (гузоштан, ниҳодан); ~ **сто́ло́в** мизҳои бисьёре мондан

понастро́ить *сов. чего разг.* тадриҷан сохтан, бисьёр бино кардан

понатаска́ть *сов. разг.* 1. *что, чего* тадриҷан кашондан, кам-кам овардан, ҳозир кардан // дуздидан 2. *кого-что перен.* омухта кардан, ёд додан

понаторе́||ть *сов. в чём прост.* малака пайдо кардан, таҷриба ҳосил кардан, балад (усто) шудан; **он ~л в ру́сском языке́** ӯ забони русиро об карда хурдааст

понату́житься *сов. разг.* зӯр задан

понача́лу *нареч. разг.* аввал, аввалан, дар ибтидо; ~ **всё бы́ло споко́йно** дар ибтидо оромӣ ҳукмфармо буд

по-на́шему *нареч.* 1. (*так, как мы хотим, поступаем*) аз руи хоҳиши (хости, майли) мо; **де́лайте ~** чунон ки мо мехоҳем, ҳамон тавр кунед; **бу́дет ~** хости мо хоҳад шуд 2. *в знач. вводн. сл.* (*нам кажется, мы думаем*) ба фикри (ба назари, ба хаёли, ба ақидаи) мо; **~, всё гото́во** ба фикри мо ҳама чиз тайёр аст

понаши́ть *сов. что, чего разг.* тадриҷан духтан, бисьёр дӯхта тайёр кардан; ~ **пла́тьев** куртаи бисьёре духтан

понёва *ж обл.* понёва (*юбкаи аз матои пашмини дастбофтаи рах-рах ё катак*)

понево́ле *нареч.* ночор, зӯран, ноилоҷ, дилу нимдил, хоху нохоҳ, маҷбуран; **согласи́ться ~** ноилоҷ розӣ шудан

понеде́льник *м* душанбе

понеде́льный, -ая, -ое ҳафтабайъ, ҳафтаина, ҳафта ба ҳафта; ~ **зарабо́ток** музди кори ҳафтаина

поне́же *союз уст.* аз он ҷиҳат

поне́житься *сов.* муддате эркагӣ (ноз) кардан, каме нозидан, андаке таравидан; кайф (роҳат, фароғат) кардан; **она́ лю́бит ~ в посте́ли** вай дар ҷойгаҳ ёзида роҳат карданро нағз мебинад

по-неме́цки *нареч.* немисӣ, ба немисӣ

понемно́гу *нареч.* 1. андак-андак, кам-кам; **есть ~** кам-кам хурдан 2. тадриҷан, оҳиста-оҳиста; **больно́й ~ начал поправля́ться** бемор оҳиста-оҳиста шифо ёфтан гирифт 3. *разг.* (*при ответе на вопрос* «как поживаете?») як навъ, бад не

понемно́жку *нареч. разг. см.* **понемно́гу**

поне́рвничать *сов.* қадре асабӣ (асабонӣ) шудан, андак ба ҳаяҷон омадан

понес||ти́ *сов.* 1. *кого-что* бурдан, бардошта бурдан, кашондан; **~ти́ ребёнка домо́й** бачаро бардошта ба хона бурдан; **я не могу́ ~ ти́ чемодан** ман чамадонро бардошта бурда наметавонам 2. *кого-что* бардоштан, бо суръат (шитобон) бурдан; **ло́шади ~ли са́ни** аспҳо чанаро бо суръат бурданд // *без. доп.* гурехтан; **лошади испуга́лись и ~ли́** аспҳо тарсида гурехтанд 3. *кого-что* кашидан, кашола карда (бо зур) бурдан, зуран бурдан; **толпа́ ~ла́** нас анбуҳи мардум моро кашола карда бурд; **ло́дку ~ло к бе́регу** *безл.* ҷараёни об қаиқро суи соҳил бурд 4. *безл. чем (о холоде, ветре и т. п.)* даромадан, расидан *(дар бораи шамоли хунук ва ғ)*; **из окна́ ~ло́ хо́лодом** аз тиреза хунук даромад // *безл. (о запахе)* баромадан, омадан, ба бинӣ задан, ба машом расидан; **~ло́ пле́сенью** буи мағор омад 5. *что перен. в сочет. с сущ.:* **~ти́ убы́ток** зиён кашидан, зарар дидан; **~ти́ наказа́ние** ҷазо дидан (кашидан); **~ти́ тяжёлую утра́ту** талафоти вазнин додан 6. *что и без доп.* сафсата сар кардан, беҳудагӯӣ (ҳарзагӯӣ) кардан, ҳарза гуфтан; **~ти́ вздор** ҳарза гуфтан, ҳарфи пуч гуфтан 7. *прост.* ҳомиладор (дуҷон, вазнин, бордор) шудан, обистан

понес||ти́сь *сов.* 1. тохтан гирифтан, бо суръат рафтан, тез ҳаракат кардан; дартоз рафтан; **ло́шади ~ли́сь** аспҳо дартоз рафтанд // *(быстро побежать)* тез (сахт) давида рафтан, босуръат давидан, давон (дартоз) рафтан; **ма́льчик понёсся по у́лице** писарбача аз куча давон рафт; 2. *(о запахе, звуке)* расидан, омадан, шунида шудан, ба машом расидан

по́ни *м нескл.* тоту *(ҷинси аспи кутоҳқад)*

понижа́ть *несов. см.* **понизить**

понижа́ться *несов.* 1. *см.* **пони́зиться;** 2. *страд.* пасттар (сусттар) шудан

пониже́ние 1. *(по знач. гл.* **пони́зить)** пасттар (сусттар, кам, поинтар) кардан(и), фуровардан(и); *(по знач. гл.* **пони́зиться)** пасттар (поинтар) шудан(и), фуромадан(и), таназзул; **~ у́ровня воды́** поин фуромадани сатҳи об; **~ цен** фуромадани нарху наво; **~ в до́лжности** аз мансаб нузул кардан 2. ҷои паст, пасти

пони́женн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* поиншуда, фуровардашуда 2. *прил.* паст, поин; **~ая температу́ра** ҳарорати паст; **~ые но́рмы** меъёри паст

пони́зить *сов.* 1. *что* пасттар (поинтар) кардан, фуровардан; **~ забо́р** деворро пасттар кардан 2. *что* сусттар (пасттар, поинтар, камтар) кардан, фуровардан; **~ це́ны** нархро арзон кардан; **~ температу́ру** ҳароратро пасттар кардан; **~ давле́ние** фишорро сусттар кардан 3. *что* пасттар (бадтар, сусттар) кардан; **~ ка́чество проду́кции** сифати маҳсулотро пасттар кардан 4. *что (голос, звучание)* пасттар кардан, поинтар гирифтан, маҳинтар кардан; **~ тон струны́** як парда поинтар соз кардан; **~ го́лос** овозро пасттар кардан; **~ тон** пасттар гап задан 5. *кого* нузул додан, фуровардан; **~ по слу́жбе** ба кори паст фуровардан

пони́зи||ться *сов.* 1. пасттар (поинтар) шудан 2. пасттар (камтар) шудан, фуромадан; **температу́ра ~лась** ҳарорат камтар шуд; **ско́рость движе́ния ~лась** суръати ҳаракат пасттар шуд; **це́ны ~лись** нарху наво фуромад; **у́ровень воды́ ~лся** сатҳи об фуромад 3. пасттар (бадтар, сусттар) шудан; **ка́чество проду́кции ~лось** сифати мол пасттар шуд; **слух ~лся** қувваи сомеа сусттар шуд 3. *(о голосе, звучании)* пасттар шудан; **тон ~лся** оҳанг (соз) пасттар шуд

по́низу *нареч.* паст, ру-руи замин

поника́ть *несов. см.* **пони́кнуть**

пони́к||нуть *сов.* 1. ба зер (поин) афкандан, хам (қат) шудан, [ба паст] хамидан, сарнагун (сарафканда) шудан; **коло́сья ~ли** хушаҳо хамиданд; **дере́вья ~ли ветвями** шохаҳои дарахтон хам шуданд 2. *перен.* ғамгин (маъюс) шудан; **он совсе́м пони́к** у тамомаи маъюс шуд

понима́ни||е *с* 1. фаҳм, фаҳмиш, фаҳмидан(и), идрок, дарк кардан(и); **текст, досту́пный ~ю** матни фаҳмо; **э́то вы́ше моего ~я** ин аз доираи фаҳмиши ман берун аст, ба ин фаҳми ман намерасад 2. фаҳмиш, нуктаи назар; маънидод кардан(и); **маркси́стское ~е исто́рии** дарки марксистии таърих

понима́||ть *несов.* 1. *см.* **понять;** 2. *что* фаҳмидан, сарфаҳм (ба маънии чизе) рафтан, донистан, дарк кардан 3. *что, в чём* фаҳмидан, воқиф (огоҳ) будан, хабардор (бохабар) будан; **он ~ет му́зыку** у мусиқиро мефаҳмад ◇ **понима́ешь (понима́ете), понима́ешь ли (понима́ете ли)** *в знач. вводн. сл.* медонӣ (медонед); **в э́том, ~ешь ли, она́ не винова́та** медонӣ, дар ин кор у айбдор нест; **[вот] это я ~ю!** бисёр хуб!, боракалло!; **~ть толк** *в чём* ба қадри ҳалвою набот расидан, қадри ҳалвою наботро донистан; **ни бе ни ме не ~ет** алифро калтак мегуяд

понима́ться *несов. страд.* фаҳмида шудан

по-но́вому *нареч.* ба таври (ба тарзи) нав; **стро́ить ~** ба тарзи нав сохтан; **жить ~** ба тарзи нав зиндагӣ [сар] кардан

поножо́вщина *ж разг.* кордкашӣ, кордзанӣ

понома́рский, -ая, -ое пономарӣ, ...и пономарь

пономарь *м церк.* пономарь *(хизматгузори хурди калисои православӣ)*

поно́с *м* исҳол, дарунравӣ, тагипойравӣ

поноси́ть I *несов. кого-что* ҳақорат (дашном) додан, мазаммат (таҳқир) кардан, обру резондан

поноси́ть II *сов.* 1. *кого-что* муддате бардошта (гирифта) гаштан; **~ ребёнка** кудакро муддате бардошта гаштан 2. *что* муддате пушидан, каме пушида гаштан; **~ тёплое пальто** муддате пальтои гарм пушида гаштан

поноси́ться I *несов. страд.* ҳақорат (дашном) дода шудан

поноси́ться II *сов.* дошт додан: **пальто́ ещё поно́сится** пальто ҳоло дошт медиҳад

поно́ск||а *ж* чизкашонӣ; **обучи́ть соба́ку ~е** ба саг чизкашониро ёд додан

поно́сн||ый, -ая, -ое *уст. (бранный)* ...и ҳақорат, ...и дашном, таҳқиромез, фаҳшомез, мазамматнок; **~ая брань** дашноми кабеҳ; **~ые слова́** суханони таҳқиромез

поноше́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **поноси́ть** I) *уст.* ҳақорат (дашном) додан(и), мазаммат (таҳқир) кардан(и), обру резондан(и) 2. ҳақорат, дашном

поно́шенный, -ая, -ое 1. *прич.* пӯшидашуда 2. *прил.* нимдошт; **~ пиджа́к** пиджаки нимдошт 3. *перен. разг.* афсурда, пажмурда, пирнамо; **~ вид** симои афсурда

понра́виться *сов. кому-чему* маъқул шудан (афтодан), форидан, писанд омадан

понтёр *м карт.* гардкамзан, қиморбози гузаро, қиморбози боҷуръат

понти́ровать *несов. карт.* банк задан, ба ҳамаи пули ҷамъшуда қимор задан, гардкам задан

понто́н *м* понтон, ҷиср (1. *завраҷи ҳамвортаг, ки чун такьяи пул истифода мешавад* 2. *қуттии ё варфи дарунхолӣ барои аз қаъри об бардоштани киштии ғарқшуда)*

понтонёр *м воен.* понтонсоз, ҷисрсоз

понто́нн||ый, -ая, -ое понтонӣ, ҷисрӣ, ...и понтонсозӣ; **~ые рабо́ты** корҳои понтонсозӣ; **~ый мост** пули понтонӣ

понуди́тельн||ый, -ая, -ое маҷбурӣ, водоркунанда, иҷборӣ; **~ые ме́ры** тадбирҳои маҷбурӣ, ҷораҳои иҷборӣ; **~ый зало́г** *грам.* тарзи бавоситаи феъл

пону́дить *сов. кого-что* маҷбур (водор) кардан

понужда́ть *несов. см.* **пону́дить**

понужде́ние *с (по знач. гл.* **пону́дить)** маҷбур (водор) кардан(и)

понука́ние *с (по знач. гл.* **понука́ть)** чу-чугуӣ; шитоб кунондан(и), ҳадаҳа кардан(и); *(звуки)* чу-чу

понука́ть *несов. кого* 1. чу-чу гуфтан, хилаву тела кардан; **~ ло́шадь** аспро чу-чу гуфтан 2. *перен. разг.* шитоб кунондан, ҳадаҳа (саросема) кардан; **~ лентя́я** танбалро шитоб кунондан

пону́ривать(ся) *несов. см.* **пону́рить(ся)**

пону́рить *сов. что:* **~ го́лову** сар хам кардан, сар ба зер афкандан, сар фуруд овардан

пону́риться *сов.* сар хам кардан, сар ба зер афкандан, сар фуруд овардан; *(о голове)* хам шудан

пону́ро *нареч.* сархам(она), маъюс-

она, андуҳгинона, маҳзунона; ~ **плестись** сархам роҳ рафтан

понурость *ж* сархамӣ, сарпастӣ, андуҳгинӣ, ғамгинӣ, маҳзунӣ

понур||ый, -ая, -ое (понур, -а, -о) сархам, ба гардани кач, андуҳгин, ғамгин, маҳзун; **~ая поза** ҳолати маҳзун; **~ый взгляд** нигоҳи ғамгин

пончик *м* кулча, пончик (*кулчаи ширинии дар равған пухташуда*)

поныне *нареч. уст.* то кунун, то ҳол

понырять *сов. разг.* ғутавар шудан, муддате ғута задан (хурдан)

понюх *м уст. см.* **понюшка** 2 ◇ **ни за ~ табаку пропасть (погибнуть)** *см.* **понюшка (ни за понюшку табаку пропасть)**

понюха||ть *сов. что* буидан, буй кардан (кашидан), шамидан ◇ **он ещё не ~л пороху** у буи борут нашамидааст

понюшк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **понюхать**) бӯй кашидан(и), буидан(и), шамидан(и); 2. (*щепотка табаку*) як чимдӣ, як отим, як кашиданӣ, як мисқол ◇ **ни за ~у табаку пропасть (погибнуть)** *прост.* барои якпула чиз нобуд шудан, беҳуда мурда рафтан

понянчить *сов. кого* муддате бачабонӣ (бачабардорӣ, нигоҳубин) кардан

понянчиться *сов. с кем* бачабонӣ (нигоҳубин) кардан, бачабон шудан

понят||ие *с* 1. мафҳум, маънӣ; **~е стоимости** маънии арзиш; **~е треугольника** мафҳуми секунҷа 2. хабар, тасаввур, маълумот; **иметь ~е о чём-л.** аз чизе хабар доштан; **он не имеет ни малейшего ~я об этом** у дар ин хусус тасаввуре надорад; **у неё слабое ~е об этом** у дар ин хусус маълумоти ночиз дорад; **иметь смутное ~е** *о чём-л.* тасаввури хира доштан // *чаще мн.* **понятия** дараҷаи фаҳмиш, маҷмуи ақидаҳо, савияи дониш; **применяться к ~ям слушателей** мувофиқи савияи дониши шунавандагон гуфтан (фаҳмондан)

понятливость *ж* хушфаҳмӣ, хушзеҳнӣ, фаросат, маънирасӣ, рамузфаҳмӣ

понятливый, -ая, -ое (понятлив, -а, -о) хушфаҳм, хушзеҳн, бофаросат, маънирас, рамузфаҳм; **~ ребёнок** бачаи хушзеҳн

понятно 1. *нареч.* фаҳмо, мафҳум, равшан, возеҳ, аён; **говорите ~** фаҳмо (бурро) гап занед 2. *в знач. сказ. безл. кому* аён (равшан) аст, маълум (мафҳум) аст; **мне это ~** ин ба ман аён аст 3. *в знач. вводн. сл. разг.* албатта, бале, оре, ҳатман, бешубҳа, бешак; **я, ~, не согласился с его мнением** ман, албатта, бо фикри у розӣ нашудам

понятность *ж* фаҳмо (мафҳум) будан(и), возеҳ (аён) будан(и), мафҳумӣ, равшанӣ, аёнӣ

понятн||ый, -ая, -ое (понят|ен, -на, -о) 1. фаҳмо, мафҳум, равшан, возеҳ, аён; **~ое решение задачи** ҳалли фаҳмои масъала 2. асоснок, мубарро, ҳаққонӣ; **~ое возмущение** қаҳру ғазаби табиӣ ◇ **~ое дело** шак нест, аён аст, худ ба худ маълум аст

понятой *м* шоҳид, гувоҳ, одами холис (*дар вақти кофтуков, руйхат карданӣ чизу чора, мусодира ва ғ.*)

понять *сов. кого-что* фаҳмидан, аз худ (дарк) кардан, сарфаҳм рафтан, донистан, пай бурдан, огоҳ шудан; **~ ход решения задачи** роҳи ҳалли масъаларо фаҳмидан; **я не понял ни слова** як калима ҳам нафаҳмидам; **он плохо понял содержание статьи** у мазмуни мақоларо пурра сарфаҳм нарафт; **я вас понял** мақсади шумо барои ман фаҳмост ◇ **дать ~** фаҳмондан, бо рамзу киноя фаҳмондан

пообвыкнуть *сов. прост.* оҳиста-оҳиста (кам-кам) омухта шудан, тадриҷан одат кардан (ху гирифтан)

пообедать *сов.* хӯроки пешини хурдан, наҳории гаштирузӣ хӯрдан, пешинчагӣ хурдан

пообещать *сов. что, с неопр. или с союзом «что»* ваъда додан (кардан), қавл додан

пообжиться *сов. прост.* оҳиста-оҳиста одат кардан (ху гирифтан), тадриҷан омухта шудан; оҳиста-оҳиста анчому ускунадор шудан

пообноситься *сов. прост.* оҳиста-оҳиста фасурда (кӯҳна) шудан; белибос мондан

пообождать *сов. прост.* андаке мунтазир шудан, каме интизорӣ кашидан, нигоҳ карда истодан, нигарон шудан

пооборваться *сов. разг.* либоси худро андаке кӯҳна (фасурда) кардан, кӯҳна (фасурда) шудан

пообсохнуть *сов. разг.* кам-кам (тадриҷан) хушк шудан, оҳиста-оҳиста нампарида шудан

пообтереться *сов. прост.* каме хӯрда (фасурда, фит, суда, кӯҳна) шудан; **ковёр пообтёрся** гилем каме хӯрда шудааст // (*обжиться*) одат кардан, ху гирифтан

пообтрепаться *сов. разг.* кам-кам хӯрда шудан, тадриҷан суда шудан, кӯҳна (фасурда) шудан

поодаль *нареч.* каме дуртар, як қадар онсутар, онтарафтар; **рядом с домом сад, а ~ река** дар шафати хона чорбоғча ва каме дуртар аз он наҳр аст

поодиночке *нареч.* якта-якта, танҳо-танҳо, тоқа-тоқа, дона-дона, якка-як, фард-фард, яктоӣ; **вызывать ~** як-як чеғ задан

поозорничать *сов. разг.* андак шухӣ кардан

поосмотреться *сов. разг.* 1. ба атроф назар андохтан, атрофро аз назар гузарондан 2. *перен.* ба муҳит одат кардан

поострить *сов.* муддате аския (латифа, зарофат) гуфтан, қофиярасонӣ кардан

поостыть *сов. разг.* 1. оҳиста-оҳиста хунук (сард) шудан 2. *перен.* дилсард (дилмонда) шудан; ором (хомуш) шудан

поохать *сов. разг.* муддате оҳу воҳ (ур-уф) кардан

поохотиться *сов.* муддате шикор (сайд) кардан

поочерёдно *нареч.* навбат ба навбат, бо навбат, паси ҳамдигар

поочерёдный, -ая, -ое навбат ба навбат, паси ҳамдигар

поощрение *с* 1. (*по знач. гл.* **поощрить**) ҳавасманд (рағбатнок, шавқманд) кардан(и); **материальное ~** ҳавасманд кардани моддӣ; **система материального и морального ~я** усули ҳавасманд кардани моддӣ ва маънавӣ 2. мукофот, ҳадья, инъом, ҷоиза, тӯҳфа; **получить ~** мукофот гирифтан

поощрительн||ый, -ая, -ое (поощрите|-лен, -льна, -льно) ҳавасмандкунанда, рағбатовар, шавқмандкунанда; **~ая премия** мукофоти ҳавасмандкунанда; **~ый тон** оҳанги рағбатовар; **~ые фонды** фондҳои мукофот

поощрить *сов см.* **поощрять**

поощря||ть *несов. кого-что* ҳавасманд (рағбатнок) кардан, шавқманд (тақдир) кардан, мукофот додан; **отец ~л увлечение сына спортом** падар варзишдустии писаршро тақдир кард; **~ть хороших работников** коркунони хубро мукофотонидан

поощряться *несов. страд.* ҳавасманд карда шудан

поп *м разг.* 1. кашиш, коҳин 2. (*рюха*) аккол ◇ **на ~а ставить (поставить)** рост (раппа-рост) мондан

попадание *с* (*по знач. гл.* **попасть**) расидан(и), рафта расидан(и), задан(и), афтидан(и) ◇ **прямое ~** рост рафта расидан(и)

попада||ть *сов.* (*о всех, многих*) пай дар пай афтодан, паси ҳам афтодан; **книги ~ли с полки** китобҳо аз раф паси ҳам афтоданд

попада||ть *несов. см.* **попасть** ◇ **у меня зуб на зуб не ~ет** дандонам ба дандонам намерасад

попадаться *несов. см.* **попасться**

попадья *ж разг.* зани (завҷаи) кашиш

попали||ть I *сов.* 1. *кого-что* муддате сӯзондан, андаке парт (парсуз) кардан; **~ть курицу** мурғро парт кардан 2. *что* сухтан, сузондан, оташ зада сухтан, оташ додан; **враги ~ли много деревень** душманон деҳаҳои бисьёреро оташ зада сухтанд

попалить II *сов. разг.* муддате тир паррондан (холӣ кардан, андохтан), андаке тирпаронӣ кардан

попарить *сов.* 1. *кого-что* буғ додан, дар оби гарм доштан; **~ ноги** пойҳоро дар оби гарм доштан 2. *что* дам кардан (додан); **~ репу** шалғамро дам кардан

попарить *сов.* муддате паридан, парвоз кардан

попари||ться *сов.* 1. (*в бане*) худро буғ додан 2. муддате дам хурдан; **свёкла ~лась** лаблабу дам хӯрд

попарно *нареч.* ҷуфт-ҷуфт, дутоӣ, ду-ду, ду ба ду, қуша-қуша, дуто-дуто; **разберитесь ~!** ҷуфт-ҷуфт саф кашед!

поп-арт *м* поп-арт (*ҷараёни авангардии санъати тасвирии асри 20,*

ки намояндагони он оламро бо ёрии таркибҳои аз ашёи мухталиф ба вуҷуд овардаашон тасвир кардани мешуданд)

по-партийному *нареч.* ҳамчун аъзои партия; **поступать** ~ чун аъзои партия рафтор кардан

попасти *сов. кого-что* муддате чарондан; ~ **овец в степи** гӯсфандонро дар дашт чаронидан

попастись *сов.* муддате чаридан

попасть *сов.* 1. *в кого-что* [рафта] расидан, задан, хурдан, афтидан, даромадан, ғалтидан; **мяч попал в сетку** туб ба тӯр афтид; **камень попал во двор** санг ба ҳавлӣ ғалтид; ~ **в цель** ба нишон задан // *чем во что* расондан, даровардан, гузарондан; ~ **крючком в петлю** чангакро ба ҳалка даровардан // *на кого-что (о каплях, брызгах и т. п.)* паридан, чакидан, расидан; **брызги попали на скатерть** чакраҳо ба руи дастархон париданд 2. омадан, даромадан, расидан; афтода (даромада) мондан; **я не могу** ~ **в дом** ман ба хона даромада (расида) наметавонам; ~ **в чащу леса** ба ҷангали анбӯҳ афтода мондан 3. *во что, на что, подо что* ба ягон ҳолат афтидан (дучор шудан); гирифтор шудан; ~ **в силки** ба дом афтидан; ~ **в плен** асир афтидан; ~ **в беду** гирифтори бало шудан; ~ **под дождь** таги борон мондан; ~ **под суд** ба мурофиа афтидан 4. *чем во что* ғӯтидан; ~ **ногой в грязь** нохост пой ба лой ғутидан 5. *во что, на что* даромадан, дохил шудан, қабул шудан; ~ **во флот** ба хизмати флот таъин шудан 6. шудан; ~ **в забияки** ҷангара (ҷанҷолчӣ, шаттоҳ) шудан 7. *прост.* дучор шудан, вохурдан, ба назар (ба чашм) афтодан 8. *безл. кому-чему разг. (о наказании, взыскании и т. п.)* гап шунидан, гап расидан, таҳи гап мондан, сарзаниш (ҷазо) дидан; **попадёт тебе за это** ту барои ин корат ҷазо мебинӣ ◊ **где попало** ҳар куҷо, ки рост ояд; **как попало** чи тавре ки рост ояд; бетартибона, ғайри муназзам; **какой попало** кадомаш ки рост ояд; кадомаш ки бошад; **кто попало** касе ки рост ояд; касе ки бошад; **куда попало** куҷое ки рост ояд; **что попало** чизе ки бошад; ~ **впросак** ба ҳолати ногувор афтодан; ~ **в историю** ба гирдоби бало афтодан; ~ **в лапы кому-л.** ба чанголи касе афтодан; ~ **в переделку (в переплёт)** дучори мушкилӣ шудан, ба ҳолати ногувор афтодан; ~ **в руки** *кого, чьи, кому, к кому* ба даст афтидан; ~ **в тон** *кому* табъи сомеъ сухан гуфтан; ~ **в [самую] точку** айни муддаоро гуфтан (кардан); ~ **на глаза** *кому* ба чашм афтидан; ~ **на зубок кому-л.** хандахариши касе шудан; ~ **на язык (язычок) кому-л., к кому-л.** вирди забони касе шудан; ~ **под руку** *кому* нохост ба даст афтодан; ~ **под горячую руку кому-либо** ба ғазаби касе гирифтор шудан; ~ **пальцем в небо** гапи беҷо задан; ҷавоби бемавқеъ додан; **вожжа под хвост попала** *кому прост.* кадом ҷин зад; **не в то горло попало** *прост.* ба гулу парид; **чем [ни] попадя** *прост.* бо ҳар чизе, ки ба даст омад (афтид)

попасться *сов.* 1. афтидан, бархурдан, вохӯрдан; гирифтор шудан; ~ **в плен** асир афтидан; ~ **в капкан** ба дом афтидан 2. *разг.* дучор шудан, вохӯрдан, рост омадан; **мне попались приятные попутчики** ҳамсафарони ман одамони дилкаш буданд 3. ба даст афтодан (ёфт шудан), вохурдан; **мне попалась хорошая книга** ба дастам китоби нағз афтод ◊ ~ **впросак** ба ҳолати ногувор афтодан; ~ **в руки** *кого, чьи, кому, к кому* ба даст афтидан; ~ **на глаза** *кому* ногоҳ ба чашм афтидан, банохост вохӯрдан, ногоҳ ба назар намудан; ~ **под руку** *кому* нохост ба даст афтодан

попахать *сов. что и без доп.* муддате шудгор кардан, каме замин рондан

попахива||ть *несов. чем и без доп. разг.* андак бӯй гирифтан (додан), андак бӯй овардан; **рыба уже** ~**ет** моҳӣ андак бӯй оварда аст; **в подвале** ~**ет плесенью** *безл.* аз таххона бӯи мағор меояд

попевать *несов. что и без доп.* гоҳ-гоҳ сурудан (хондан), кам-кам ғазалхонӣ (сурудхонӣ) кардан

попенять *сов. кому-чему за что, на что на кого-что разг.* шикоят (гила, арзу дод) кардан, нолидан

попервоначалу *нареч. прост.* аввал, пеш аз ҳама

поперёк 1. *нареч.* кӯндаланг, аз бар, ба бар; **распилить бревно** ~ ғӯларо кундаланг арра кардан 2. *предлог с род.:* ~ **дороги лежит бревно** дар пеши роҳ ғулачуб истодааст 3. *перен. разг.* баръакс, бархилоф ◊ **вдоль и** ~ 1) аз ҳар тараф; ҳам аз тул, ҳам аз арз 2) *(очень хорошо)* бисёр хуб, панҷ панҷа (ангушт) барин; ~ **горла стать** *кому* дилбазан шудан, ба ҷон расондан; **стать (стоять)** ~ **дороги кому-л.** пеши роҳи касеро гирифтан

попеременно *нареч.* навбат ба навбат, гоҳ... гоҳ, паси якдигар, паси ҳам; ~ **шёл то дождь, то снег** гоҳ борон меборид, гоҳ — барф

попереть *сов. прост.* 1. *(направиться)* тиққидан, задан 2. *кого-что (выгнать)* тела дода (зада) баровардан, пеш (ҳай) кардан 3. *что (понести)* [бардошта] бурдан, кашола кардан, кашидан

попереться *сов. прост. см.* **попереть** 1; **куда ты попёрся в таком виде?** ту бо ин шаклу шамоил ба куҷо метиққӣ?

поперечина *ж* болори кундаланг

поперечить *сов. кому разг.* сухани хилоф гуфтан, баръакс гап задан

поперечник *м* қутр, қутри доира; **пять метров в** ~**е** қутраш панҷ метр

поперечн||ый, -ая, -ое кӯндаланг, арӣ ◊ ~**ая пила** арраи дудаста (ғулабур); **встречный и** ~**ый, встречный-**~**ый** ҳар касу нокас

поперхну||ться *сов.* 1. сулфа кардан, гулӯ афшондан; **я** ~**лся чаем** чой ба гулуям парид 2. охири суханро фурӯ бурдан

поперчить *сов. что* каламфур (мурч) пошидан (задан); тунд кардан

попеть *сов.* муддате сурудан (сароидан), каме хондан

попечение *с* ғамхорӣ, ҳимоя, парасторӣ; **оставить на** ~ **родных** ба тарбияи хешҳо вогузоштан

попечитель *м* 1. васӣ, мураббӣ, парастор, ҳомӣ 2. *уст.* мутаваллӣ; ~ **гимназии** мутаваллии гимназия

попечительница *женск. к* **попечитель** I

попечительный, -ая, -ое *уст.* ғамхор

попечительский, -ая, -ое ...и васӣ, ...и мураббӣ, ...и парастор, ...и ҳомӣ; ~ **совет** шурои парасторон

попечительство *с* 1. васоят, сарпарастӣ, парасторӣ, ҳомигӣ *(маҷмӯи тадбирҳо барои парастиши бачаҳои ноболиғ)* // *(попечение)* ғамхорӣ, ҳимоя, парасторӣ 2. *уст.* идораи (муассисаи) хайрия; ҷамъияти хайрия 3. *уст.* мутаваллигӣ

попечительствовать *несов.* васигӣ (васоят) кардан, васӣ будан, парасторӣ кардан, ҳомигӣ кардан

попивать *несов. разг.* 1. *что* кам-кам нушидан, охиста хурдан, шитоб накарда (бахузур) ошомидан 2. гоҳ-гоҳ маст шудан, баъзан шароб (май) нӯшидан

попилить *сов.* 1. *что и без доп.* муддате машғули арракунӣ шудан, як қадар арра кардан; ~ **дрова** андаке хезум арра кардан 2.: ~ **на скрипке** ғиҷҷак ғинг-ғинг кунондан

попирать *несов.* 1. *кого-что высок.* зер (пахш) кардан; фишор (тазйиқ) додан, беҳурматӣ кардан 2. *что перен.* поймол кардан, дағалона вайрон кардан; ~ **чьи-л. права** ҳуқуқи касеро поймол кардан

попираться *несов. страд.* поймол карда шудан

попировать *сов.* муддате базм (айш) кардан, айшу ишрат кардан

пописать *сов. что и без доп.* муддате машғули навис-навис шудан, як қадар навиштан, андаке хатнависӣ кардан; ~ **с полчаса** ним соат хатнависӣ кардан ◊ **ничего не попишешь** чӣ бояд кард; илоҷе нест

попискивание *с (по знач. гл.* **попискивать)** гоҳ-гоҳ чул-чул (чир-чир) кардан(и), баъзан чиррос задан(и); *(звуки)* чул-чул, чир-чир, чиррос

попискивать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ чул-чул (чир-чир) кардан, баъзан чиррос задан; **ребёнок начал** ~ кӯдак ба чир-чир даромад

пописывать *несов. что и без доп. разг.* гоҳ-гоҳ (баъзан) навиштан; ~ **статейки** гоҳ-гоҳ мақоланависӣ кардан

попить *сов. чего и без доп.* хӯрдан, ошомидан, нушидан

попка I *м разг. см.* **попугай**

попка II *ж разг.* дунбача

поплавать *сов.* муддате оббозӣ (ши-

новарӣ) кардан; ~ **в о́зере** дар кӯл қадре оббозӣ кардан

поплавко́вый, -ая, -ое ...и гупсар, ...и машки шиноварӣ; завраќчадор

поплав||о́к *м* 1. *рыб.* қаровулаки шаст, шиноварак, қаровулаки тури моҳигирӣ 2. *тех.* гупсар, машки шиноварӣ; **мост на** ~**ках** пули дар болои гупсар сохташуда 3. *ав.* завракча *(барои бар руи об шинондани самолёт истифода мешавад)*

попла́кать *сов.* андаке гирья кардан, муддате гиристан

попла́каться *сов. разг.* шикоят (гила) кардан, шиква (арзу дод, арз) кардан

поплати́ться *сов. чем и без доп.* товон додан, ҷазо дидан, сазо ёфтан; ҷафо кашидан; зарар дидан; ~ **здоро́вьем** саломатиро товон додан (қурбон кардан); ~ **за свою́ оши́бку** барои хатои худ ҷазо дидан

поплева́ть *сов. разг.* якчанд бор туф кардан

поплёвывать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ туф кардан, баъзан туф-туф кардан

поплеска́ть *сов.* якчанд бор об пошидан (обпошӣ кардан)

поплеска́ться *сов.* андаке оббозӣ кардан, муддате об пошидан

поплёскивать *несов. разг.* гоҳ-гоҳ оббозӣ кардан (об пошидан)

поплести́ *сов. что и без доп.* як қадар бофтан, муддате бофтан

поплести́сь *сов. разг.* кашола шуда рафтан, қадам шумурда рафтан, ба зур роҳ рафтан, оҳиста (шитоб накарда) роҳ рафтан; **он поплёлся домо́й** у оҳиста-оҳиста роҳи хонаашро пеш гирифт

попли́н *м* поплин

попли́нов||ый, -ая, -ое поплинӣ, ...и поплин; ~**ое пла́тье** куртаи поплин

поплотне́ть *сов.* ғафстар (фарбеҳтар) шудан, гушт гирифтан

поплута́ть *сов. разг.* муддате роҳ гум карда гаштан, сарсон (саргум) шудан, саргардон шуда гаштан; ~ **по переу́лкам** дар паскучаҳо саргардон шуда гаштан

поплы́||ть *сов.* 1. шино кардан, шино карда гирифтан, шинокунон рафтан; ба шиноварӣ сар кардан; **ло́дка** ~**ла́** заврақ шинокунон рафт 2. хира тофтан; **всё** ~**ло у меня́ пе́ред глаза́ми** ҳама чиз дар пеши чашмонам хира тофт

попляса́ть *сов. что и без доп. разг.* муддате рақсидан (рақс кардан), арғушт рафтан, бозӣ (усул) кардан ◇ **ты у меня́ попля́шешь** ҳоло ман туро чунон бозӣ дорам, ки...; рӯзатро нишон медиҳам

попля́сывать *несов. что и без доп. разг.* гоҳ-гоҳ рақс кардан, рақсидан, арғушт рафтан, бозӣ (усул) кардан

попо́вич *м разг.* писари кашиш

поповна *ж разг.* духтари кашиш

поповник *м бот.* бобунаи говак *(як хел растании бобунамонанд)*

поповск||ий, -ая, -ое *разг.* ...и кашиш, ...и коҳин ◇ ~**ие карма́ны** *шутл.* кисаҳои бетаг, хамьёни мулло

попо́вщина *ж пренебр.* мавҳумоти динӣ, эътиқод ва хурофоти динӣ

попои́ть *сов. кого-что* нӯшондан, об хӯрондан, об додан; ~ **го́стя чаем** меҳмонро чой зиёфат кардан; ~ **ло́шадь** аспро об додан

попо́йка *ж разг.* базму айш, майгусорӣ, нӯшонӯшӣ; **дру́жеская** ~ майгусории дустон

попола́м *нареч.* 1. ду ним, ду ҳис, ду кафон, ду тақсим, ду бул[ак], ду нисф; **разре́зать я́блоко** ~ себро ду тақсим кардан 2. нисфӣ, баробар, шарикона; **раздели́ть иму́щество** ~ чизу чораро баробар тақсим кардан 3. *с чем* =аралаш, омехта; **дождь** ~ **со снего́м** борони барфаралаш ◇ **с грехо́м (с го́рем)** ~ ба зур, ҳарому ҳариш

попо́лдничать *сов. обл.* чоштгоҳӣ хурдан

поползнове́ние *с книжн.* орзу, ният, майл; **у него́ бы́ло** ~ **уе́хать** дар дили у майли рафтан пайдо шуд

пополз||ти́ *сов.* 1. хазидан, хазида рафтан; *(о ребёнке)* гавак кашидан, гаваккашон рафтан 2. *перен.* паҳн шудан; ~**ли́ слу́хи** овоза паҳн шуд

пополне́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **попо́лнить**) пур (пурра) кардан(и), зиёд кардан(и); *(по знач. гл.* **попо́лниться**) пур (пурра) шудан(и), мукаммал шудан(и), афзудан(и), зиёд шудан(и) 2. *воен.* лашкари (қушуни, қувваи) илова

пополне́ть *сов.* фарбеҳтар шудан, гушт гирифтан

попо́лнить *сов. что* пур (пурра) кардан, такмил додан, зиёд (мукаммал) кардан; ~ **образова́ние** саводро такмил додан

попо́лниться *сов.* пур (пурра) шудан, мунаммал шудан, афзудан, зиёд шудан

пополня́ть *несов. см.* **попо́лнить**

пополня́ться *несов.* 1. *см.* **попо́лниться**; 2. *страд.* пур карда шудан

пополоска́ть *сов. что* як қадар чайқондан, обгардон (обмол) кардан; ~ **бельё** ҷомашӯиҳоро обгардон кардан; ~ **ча́йник** чойникро чайқондан; ~ **го́рло** ғарғара кардан

пополоска́ться *сов. разг.* як қадар чайқонда шудан, обгардон (обмол) шудан

пополо́ть *сов. что и без. доп.* як қадар хишова кардан; ~ **гря́дки** ҷуякҳоро як қадар хишова кардан

пополу́дни *нареч. в сочет. со сл. «час» и числ., обознач. время* баъд аз нисфи рӯз, баъд аз нимаи рӯз; баъди пешин; **в два часа́** ~ соати дуи рӯз, вакти пешин

пополу́ночи *нареч. в сочет. со сл. «час» и числ., обознач. время* аз нисфи шаб гузашта, баъд аз нисфи шаб; баъд аз нимаи шаб; **в два часа́** ~ дар соати дуи шаб

попо́льзоваться *сов. разг.* истифода бурдан (кардан), фоида бурдан; ба кор бурдан (андохтан); ~ **уче́бником това́рища** китоби рафиқи худро истифода кардан

по-по́льски *нареч.* полякӣ, ба полякӣ

попо́мн||ить *сов. что кому разг.* ба ёд (ба хотир) овардан; дар ёд (дар хотир) нигоҳ доштаи; **я тебе́ э́то** ~**ю!** ман ба ту инро нишон медиҳам!; ~**и моё сло́во!** гапи маро дар хотир нигоҳ дор! мебинӣ, ки гуфти ман мешавад!

попо́на *ж* сағрипуш, ҷул

попоро́ть I *сов. что* муддате кӯк (дарз) кандан, як қадар кӯки (чоки) *чизеро* кандан

попоро́ть II *сов. кого-что* муддате задан, химчакорӣ (калтаккорӣ) кардан

попо́ртить *сов. что разг.* андаке вайрон (хароб) кардан

попо́рти||ться *сов. разг.* андаке вайрон (хароб) шудан; **не́сколько пе́рсиков** ~**лось** якчанд дона шафтолу пусидаст

попоте́ть *сов.* 1. каме арақ кардан 2. *над чем перен. разг.* арақи ҷабин рехтан, майна об кардан; **пришло́сь** ~ **над зада́чкой** дар ҳалли масъала майна об кардан лозим омад

попо́тчевать *сов. кого см.* **по́тчевать**; ~ **го́стя пло́вом** меҳмонро палав зиёфат кардан

поправе́ние *с (по знач. гл.* **поправе́ть**) ба равияи рост моилтар шудан(и)

поправе́ть *сов. полит.* росттар рафтан, ба равияи рост моилтар шудан

поправи́м||ый, -ая, -ое (поправи́м, -а, -о) *в сочет. с сущ. «дело», «беда», «горе» и т. п.*ислоҳпазир, ислоҳшаванда; **э́то де́ло** ~**ое** ин кори ислоҳшаванда

попра́вить *сов. что* 1. дуруст (нағз, соз, таъмир) кардан; ~ **теле́гу** аробаро таъмир кардан 2. ба тартиб овардан (андохтан), мураттаб (муназзам, дуруст) кардан; ~ **приче́ску** муи сарро дуруст кардан 3. ислоҳ кардан (даровардан), тасҳеҳ кардан; ~ **произноше́ние** талаффузи нодурустро ислоҳ кардан; ~ **ру́копись** ба дастнавис ислоҳ даровардан // *тж. кого* хатои (саҳви, ғалати) *касеро* дуруст (ислоҳ, тасҳеҳ) кардан; ~ **докла́дчика** хатои маърӯзакунандаро ислоҳ кардан 4. беҳтар кардан, ба роҳ мондан, соз (мураттаб, муназзам) кардан, ба тартиб овардан; ~ **положе́ние** вазъиятро дуруст (беҳтар) кардан; ~ **свои́ дела́** корҳои худро беҳтар кардан; ~ **здоро́вье** сиҳатро барқарор кардан

попра́ви||ться *сов.* 1. хатои (саҳви, ғалати) худро дуруст (ислоҳ, тасҳеҳ) кардан, иштибоҳро аз миён бардоштан; **перево́дчик** ~**лся** мутарҷим хатои худро дуруст кард 2. беҳтар шудан; **дела́ его́** ~**лись** корҳои ӯ беҳтар шуданд 3. дуруст (сиҳат) шудан, шифо (офият) ёфтан; **больно́й** ~**лся** бемор сиҳат ёфт, бемор дуруст шуд 4. фарбеҳ шудан, гӯшт гирифтан

попра́вк||а *ж.* 1. *(по знач. гл.* **попра́вить**) ислоҳ кардан(и), тасҳеҳ кардан(и), беҳтар кардан(и); *(по знач. гл.* **попра́виться** 2, 3, 4) беҳтар шудан(и); дуруст (сиҳат) шудан(и); шифо (офият) ёфтан(и); фарбеҳ шудан(и);

де́ло идёт на ~у кор бехтар шуда истодааст 2. ислох, тасхех, тахрир, илова; **резолю́ция с ~ами** карор бо иловаю ислоххояш; **внести́ ~у** ислох даровардан

поправля́ть *несов. см.* **попра́вить**

поправля́ться *несов.* 1. *см.* **попра́виться**; 2. *страд.* дуруст (соз) карда шудан

попра́здновать *сов.* муддате ид (тўю тантана) кардан, чанде хушию хурсандӣ кардан

попрактикова́ться *сов.* муддате таҷриба (машқ) карда дидан, як қадар таҷриба гирифтан (кардан)

попра́ние *с уст. и высок.* дағалона вайрон кардан(и), риоя накардан(и), помол кардан(и) *(ҳуқуқҳоро)*; ~ **усто́ев чего́-л.** асосҳои чизеро помол кардан

попра́ть *сов. см.* **попира́ть**

по-пре́жнему *нареч.* аввала (пештара) барин, мисли кадим, мисли пешина; **она́ была́ ~ хороша́** у мисли пешина дилрабо буд

попрёк *м разг.* таъна, кохиш, маломат, итоб, сарзаниш

попрека́ть *несов. см.* **попрекну́ть**

попрекну́ть *сов. кого-что чем, за что* таъна задан, кохиш (маломат) кардан, итоб (сарзаниш) кардан

попре́||ть *сов.* 1. пусидан, тосидан, мағор бастан; **се́но в стога́х ~ло** ғарами беда батамом пусида аст 2. дам хурдан, каме буғ хурдан; **ка́ша ~ет и дойдёт** шула дам хурда мепазад 3. *прост.* андак арақ кардан

попривы́||кнуть *сов. разг.* андак одат кардан, тадриҷан омухта шудан, ху (унс) гирифтан; **он ~к к дереве́нской жи́зни** у ба зиндагии деҳот андак одат кард

попридержа́ть *сов. кого-что* 1. камтар доштан, каме дошта истодан, қадре ором доштан; ~ **лошаде́й** аспҳоро як қадар дошта истодан 2. нигоҳ (маҳфуз) доштан, пинҳон (руст) карда мондан; ~ **това́р** молро руст карда мондан

попри́тчи||ться *сов. безл.* 1. *кому-чему уст. (показаться)* ба хотир (ба ёд) омадан 2. *обл. (произойти-о неприятном)* руй (рух) додан, шудан, воқеъ шудан; **да что с ним ~лось?** вайро чӣ бало задааст?

по́прище *с* 1. *уст. (место для состязаний)* майдон, ҷабҳа, мавзеъ, арса, соҳа 2. *книжн.* соҳа, арса, доираи амалиёт; **на ми́рном ~** дар арсаи сулҳ; **подвиза́ться на литерату́рном ~** дар арсаи адабиёт фаъолият нишон додан

попро́бовать *сов.* 1. *см.* **про́бовать** ~ **суп** намакн шўрборо дидан; ~ **переплы́ть ре́ку** аз дарьё шино карда гузаштанӣ шудан 2. *повел.* **попро́буй (-те)** *разг.* карда бин(ед)-чи *(дар маънои таҳдид ва ё огоҳӣ)*

попроси́ть *сов. см.* **проси́ть** 1, 2, 3; ~ **об одолже́нии** таманнои ёрӣ доштан

попроси́ться *сов. см.* **проси́ться** I; ~ **вы́йти** барои ба берун баромадан иҷозат хостан

по́просту *нареч.* 1. ба таври содда, оддӣ, бе такаллуф; **он ~ говори́л обо всём** у бе хеҷ такаллуф аз ҳар хусус гап мезад 2. *в знач. усил. частицы* дар ҳақиқат, ҳамту; **его́ ~ вы́гнали** уро ҳамту ҳай карданд

попрочне́ть *сов.* мустаҳкамтар (сахттар, бақувваттар, устувортар) шудан

попроша́йка *м, ж* 1. *уст.* гадо, талабанда, соил 2. *разг.* одами шилқин, дарьюза

попроша́йничать *несов.* 1. *уст.* гадоӣ (соилӣ) кардан, талабандагӣ (дарьюзагӣ) кардан 2. *разг.* шилқинӣ кардан

попроша́йничество *с* 1. *уст.* гадоӣ, соилӣ, талабандагӣ 2. *разг.* шилкинӣ, дарьюзагӣ

попроща́ться *сов.* хайру хуш кардан, видоъ (хайру маъзур) кардан

попры́гать *сов.* 1. як қадар ҷасту хез кардан, ҳаллос задан, муддате паридан 2. *(о всех, многих)* ҷаҳидан, хез задан, паридан

попры́гивать *несов.* гоҳ-гоҳ сахл ҷаҳидан, хез (ҳаллос) задан, паридан

попрыгу́н *м разг.* одами бекарор (нооором, бетоқат), шух

попрыгу́нья *женск. к* **попрыгу́н**

попры́скать *сов.* 1. *кого-что* пошидан, об пуф кардан; ~ **бельё водо́й** ба либос об пуф кардан 2. *(о дожде)* андак (ягон-ягон) боридан, як қатра-қатра-ним қатра боридан, сим-сим боридан

попры́скаться *сов. чем* ба худ пошидан (молидан, задан); ~ **духа́ми** ба худ атр задан

попры́скивать *несов.* гоҳ-гоҳ пошидан (молидан), кам-кам задан

попря́тать *сов. кого-что (всё, многое)* пинҳон (руст) кардан, ҷогох (маҳфуз) кардан

попря́та||ться *сов. (о всех, многих)* пинҳон шудан; **ку́ры ~лись от дождя́** мурғҳо аз борон паноҳ шуданд

попуга́й *м* 1. тутӣ 2. *перен. разг.* тақлидкор, мукаллид

попуга́йничать *несов. разг.* тақлид (муқаллидӣ) кардан

попуга́ть *сов. кого-что* каме тарсондан (ҳаросондан)

попу́дрить *сов. кого-что* камтар сафедӣ задан, камтар упо задан (молидан); ~ **нос** ба бинӣ камтар сафедӣ молидан

попу́дриться *сов.* ба худ сафедӣ задан, ба худ упо молидан

популяриза́тор *м* оммавикунанда, оммафаҳмкунанда, тарғибкунанда; **учё-ный-~** олими тарғибкунанда

популяриза́ция *ж* 1. *(по знач. гл.* **популяризи́ровать)** фаҳмо баён кардан(и); оммафаҳм кардан(и), тарғиб намудан(и) 2. *книжн.* асари оммафаҳм, таълифи машҳур

популяризи́ровать *сов., несов. что* 1. фаҳмо (содда) баён кардан, оммафаҳм кардан, тарғиб намудан; ~ **достиже́ния нау́ки** комьёбиҳои илмро оммафаҳм баён кардан 2. машҳур гардондан, интишор (маъмул, тарвиҷ) кардан, оммавӣ гардондан; ~ **альпини́зм** кӯҳнавардиро маъмул кардан

популяризи́роваться *несов. страд.* оммафаҳм карда шудан

популяризова́ть(ся) *см.* **популяризи́ровать(ся)**

популя́рно *нареч.* фаҳмо, оммафаҳм, содда; ~ **излага́ть** фаҳмо баён кардан

популя́рность *ж* 1. оммавӣ будан(и), оммафаҳмӣ, соддагӣ, фаҳмо будан(и); ~ **изложе́ния** соддагии баён 2. шӯҳратмандӣ, номдорӣ, шуҳрат, маъруфият, машҳур (маъруф) будан(и); **по́льзоваться широ́кой ~ю** соҳиби шуҳрат будан, шоеъ будан

популя́рн||ый, -ая, -ое (популя́р|ен, -на, -но) 1. оммавӣ, оммафаҳм, содда; **~ое изложе́ние** баёни оммафаҳм 2. шуҳратманд, машҳур, маъруф, номдор, номӣ; **~ый писа́тель** нависандаи номӣ (маъруф); **~ый журна́л** журнали машҳур; **~ый вид спо́рта** навъи маъмули варзиш

популя́ция *ж* популяция *(як навъи ин ё он ҳайвон, ки дар маҳалли муайян зиндагӣ ва таҳаввул мекунад)*

попурри́ *с нескл.* попурри *(асари мусиқӣ, ки аз порчаҳои асарҳои мусиқии гуногун мураттаб шудааст)*

попусти́тель *м уст.* мусоҳилакор, саҳлангор

попусти́тельск||ий, -ая, -ое мусоҳилакорона, саҳлангорона, бепарвоёна; **~ие де́йствия** амалиёти мусоҳилакорона

попусти́тельство *с* мусоҳилакорӣ, саҳлангорӣ, бепарвоӣ

попусти́тельствовать *несов. кому-чему книжн.* мусоҳилакорӣ (саҳлангорӣ, бепарвоӣ) кардан, муносибати мусоҳилакорона (бепарвоёна) кардан; **нельзя́ ~ лентя́ям** ба танбалон набояд муносибати мусоҳилакорона кард

по-пусто́му *нареч. см.* **по́пусту**

по́пусту *нареч.* беҳуда, барабас, бебар, бенатиҷа, бефоида, бенафъ; **тра-тить вре́мя ~** вақтро беҳуда равондан

попу́та||ть *сов. кого в сочет. с сущ. «грех», «чёрт», «бес» и т. п.*: **грех ~л** шайтон васваса кард, ба гапи шайтон даромад

попу́тно *нареч.* дар айни замон (ҳол) зимнан, дар зимн; ~ **реши́ли и э́тот вопро́с** дар айни замон ин масъаларо ҳам ҳал карданд

попу́тн||ый, -ая, -ое 1. мувофиқ, ҳамроҳ, ҳамсафар; **~ый ве́тер** боди мувофиқ (шурта, мурод) // *в знач. сущ.* **попу́тный** *м уст.* ҳамсафар 2. ...и сари роҳ, сарироҳӣ; **~ый городо́к** шаҳрчаи сарироҳӣ 3. алоқадор, дахлдор, бамаврид, бамавқеъ; **~ое замеча́ние** мулоҳизаи бамаврид

попу́тчик *м* 1. ҳамроҳ, рафиқи роҳ, ҳамсафар; **случа́йный ~** ҳамсафари тасодуфӣ 2. *перен.* ҳамсафар, ҳамраъй; **~и револю́ции** ҳамсафарони инқилоб

попу́тчица *женск. к* **попу́тчик** I

попуще́ние *с уст.* 1. *см.* **попусти́тельство**; 2. *(бедствие)* балои ногаҳонӣ (осмонӣ), дарди бедаво

попыта́||ть *сов.* 1. *кого, у кого прост.* пурсидан, пурсида фаҳмидан (донистан), пурсон шудан, пурсуков кардан

2. *что, чего или с неопр. разг.* озмудан, озмоиш кардан; **~ю счáстья** бахтамро меозмоям 3. *кого (подвергнуть пытке)* муддате азоб (азият) додан, як қадар қин кардан

попытáться *сов. см.* **пытáться**

попы́тк||а *ж* кӯшиш, озмоиш, саъй, ҷидду ҷаҳд; **пéрвая ~а** кӯшиши аввал; **неудáчная ~а** кӯшиши нобарор; **тщéтная ~а** саъи бесамар; **сдéлать ~у** кӯшиш кардан

попы́хива||ть *несов.* 1. гоҳ-гоҳ дуд баровардан, гоҳ-гоҳ дуд сар додан; **~ть трýбкой** аз чубуқ гоҳ-гоҳ дуд баровардан 2. мил-мил сӯхтан, суст даргирифтан; **дровá ~ли в пéчке** ҳезум дар печка мил-мил месӯхт

попыхтéть *сов.* 1. муддате уф-уф (пуф-пуф, фаш-фаш) кардан, ба зӯр нафас кашидан // *над чем и без доп.* зӯр задан, арақ рехтан; **~ над задáчей** дар ҳалли масъала зӯр задан 2. *(о машине)* ғур-ғур (фиш-фиш) кардан

попя́тить *сов. кого-что* тус (тис) кардан, ба қафо (ба ақиб) ҳаракат кунондан, ақиб додан

попя́титься *сов.* тус (тис) шудан, пуштнокӣ (ақибнокӣ) рафтан

попя́тн||ый, -ая, -ое: **идти́ на ~ый, (на ~ую)** аз фикр (аз лафз) гаштан, аз гуфти худ пушаймон (мункир) шудан

пóра *ж см.* **пóры**

пор||á *ж* 1. вақт, замон, мавсим, айём, фасл; **весéнняя ~á** ҳангоми баҳор; **в дождли́вую пóру** дар ҳавои боронӣ 2. *в знач. сказ.* вақт шуд (расид); мӯҳлат фаро расид; **~á за рабóту** вақти кор расид; **~á спать (на боковýю)** вақти хоб шуд; **мне ~á** ман бояд ки равам ◇ **в [сáмую] пóру** 1) *(вовремя)* дар айни вақташ 2) *(по размеру)* чен карда сохтагӣ барин, айнан худаш; **в ту пóру** он вақт, дар он замон; **до ~ы́ до врéмени** то фурсате, то муддате; **до сих пóр, дó сих пóр** 1) *(о времени)* то ҳол, то ин дам (замон, муддат) 2) *(о месте)* то ин ҷо; **до каки́х пор?** 1) то кадом вақт (фурсат)?, то кай? 2) то чанд?; **до тех пóр** то он вақт (гоҳ, замон); **на пéрвых ~áх** дар ибтидо; **об э́ту пóру** *прост.* ҳамин дам, ҳозир, ҳамин ҳоло; **с дáвних пор** хеле вақт инҷониб, кайҳо боз; **с каки́х пор?** кай боз?, аз кай?; **с тех пóр, с тóй ~ы** аз он вақт (замон); аз ҳамон боз; **~á [и] честь знать** 1) бас аст 2) вақти рафтан (хайру хуш) расид

порабóтать *сов.* як қадар кор кардан, чанде (каме) меҳнат кардан; **~ в садý** каме дар боғ кор кардан

поработи́тель *м книжн.* асоратгар, ғуломкунанда, асиркунанда

поработи́ть *сов. кого-что* 1. ғулом (асир, банда) кардан; **~ нарóд** халқро ғулом кардан 2. мутеъ гардондан, зердаст (тобеъ) кардан

порабощáть *несов. см.* **поработи́ть**

порабощáться *несов. страд.* ғулом (асир) карда шудан

порабощéние *с (по знач. гл.* **поработи́ть)** ғулом (асир) кардан(и), тобеъ кардан(и), асорат

поравня́ть *сов. кого-что разг.* баробар (ҳамрад, ҳамсаф) кардан

поравня́ться *сов. с кем-чем* баробар шудан, ҳамрад (ҳамқатор, ҳамсаф) шудан, расидан

порадéть *сов. кому уст.* ёрӣ (кӯмак) расондан, ғамхорӣ (ёрмандӣ, мадад) кардан; дасти ёрӣ дароз кардан

порáдова||ть *сов. кого-что* хурсанд (шод) кардан, фараҳманд кунондан, хушнуд (масрур) кардан; **сын ~л мать свои́ми успéхами** писар модарашро бо пешрафтҳояш хушнуд кард

порáдоваться *сов.* хурсанд (шодмон, хушҳол, хушнуд) шудан, шод (масрур, фараҳманд) гардидан; **~ успéхам товáрища** аз комгории дӯсти худ хурсанд шудан

поражáть *несов. см.* **порази́ть**

поражáться *несов.* 1. *см.* **порази́ться;** 2. *страд.* зарар расонда шудан, зарба дода шудан

поражéнец *м ист.* мағлубиятхоҳ, шикасталаб, тарафдори мағлубият (шикаст)

поражéни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **порази́ть** 1) задан(и), зарба додан(и), [зада] расондан(и); **~е цéли** ба ҳадаф расондани тир 2. мағлубият, шикаст, завол; **срéдства мáссового ~я** воситаҳои зарбан оммавӣ; **потерпéть ~е** шикаст хӯрдан; **нанести́ ~е врагý** ба душман зарба задан 3. *мед.* иллат доштан(и), иллатнок (ярадор, захмдор) будан(и); **~е лёгкого** иллатнокии шуш ◇ **~е прав (в правáх)** *юр.* аз ҳуқук маҳрум кардан(и)

поражéнческий, -ая, -ое 1. *ист.* ...и мағлубиятхоҳӣ, ...и шикасталабӣ 2. маъюсона, ноумедона

поражéнчество *с ист.* мағлубиятхоҳӣ, шикасталабӣ

поразбежáться *сов. разг.* ба ҳар тараф давидан, давида пароканда шудан, ба ҳар сӯ тақсим шуда рафтан

поразвéдать *сов. что и без доп. разг.* ҷустуҷӯ карда фаҳмидан, кофтуков (такопу) кардан

поразвлéчь *сов. кого-что разг.* каме хурсанд (шод, хушнуд) кардан

поразвлéчься *сов. разг.* каме хурсанд (хушнуд) шудан, як қадар хушҳолӣ (дилхушӣ) кардан

поразгоня́ть *сов. кого-что разг. (всех, многих)* оҳиста-оҳиста пароканда кардан, тадриҷан (дур) ба ҳар тараф пеш (ҳай) кардан

пораздýма||ть *сов. о ком-чём и без доп. разг.* фикру андеша (мулоҳиза) кардан, фикр карда дидан; **~в, он решúл не éхать** ӯ фикр карда диду тасмим гирифт, ки наравад

пораздýматься *сов. фольк. и прост.* фикр карда дидан, мулоҳиза ақл давондан

порази́тельно *нареч.* ҳайратангезона, тааҷҷубоварона, аҷаб; **онá ~ краси́ва** ӯ аҷаб зебост

порази́тельность *ж* ҳайратангезӣ, аҷобат, тааҷҷубоварӣ

порази́тельн||ый, -ая, -ое (порази́те||лен, -льна, -льно) ҳайратангез, аҷиб, тааҷҷубовар, волакунанда; **~ое сходство** шабоҳати ҳайратангез

порази́||ть *сов. кого-что* 1. *уст.* задан, захмдор (маҷрӯҳ, ярадор) кардан; зада вайрон кардан, зада расондан; **~ть цель** ба нишон задан 2. мағлуб (зердаст) кардан, шикаст расондан, зарба додан; **~ть врагá** ба душман зарба додан 3. *мед.* зарар (осеб) расондан; **воспалéние ~ло лёгкое** варам ба шуш зарар расондааст 4. *перен.* ҳайрон (вола) кардан, ба ҳайрат андохтан, ба тааҷҷуб овардан, маҳву мот (моту мабҳут) кардан; **э́та весть си́льно меня́ ~ла** ин хабар маро дар ҳайрат гузошт ◇ **как грóмом ~ло** аз бом тароша афтидагӣ барин

порази́ться *сов.* ҳайрон мондан, дар ҳайрат мондан, ба тааҷҷуб омадан, дар шигифт афтодан, маҳву мот (моту мабҳут) шудан

поразмы́сли||ть *сов. о ком-чём и без доп. разг.* ҳартарафа фикр кардан, хуб мулоҳиза кардан; **~в, я соглаcи́лся** хуб фикр карда розӣ шудам

поразмя́ть *сов. что разг.* як қадар молидан, аз ҳолати карахтӣ баровардан, як қадар ёзондан; варзиш кунондан, ҳаракат кунондан; **~ нóги** пойҳоро як қадар ёзондан

поразмя́ться *сов. разг.* як қадар аз ҳолати карахтӣ баромадан, дасту пои худро ёзондан; варзиш кардан

поразузнáть *сов. о ком-чём и без доп. разг.* пурсида-пурсида фаҳмидан, дониста гирифтан, хабардор (воқиф) шудан, пурсуҷӯ карда донистан

порáнить *сов. кого-что* ярадор (захмдор, захмӣ, маҷрӯҳ) кардан; **~ рýку** дастро маҷруҳ кардан

порáниться *сов.* ярадор (захмдор, захмӣ, маҷрӯҳ) шудан

порáньше *нареч.* барвақттар, зудтар, пештар, бармаҳалтар; **встань ~** барвақттар аз хоб хез

пораскидáть *сов. кого-что разг. (всё, многое, всех, многих)* бетартиб партофтан, ҳарҷо-ҳарҷо гузоштан, титу парешон кардан

пораски́нуть *сов.*: **~ умóм** *разг.* ақл давондан, мулоҳиза фармудан

пораски́нуться *сов. фольк.* паҳну парешон шудан, титупит шудан, ҳарҷо-ҳарҷо паҳн шудан

порассказáть *сов. что, о ком-чём (о многом) разг.* ҳикоя (нақл) кардан; гуфта додан

порасспроси́ть *сов. кого о ком-чём разг. (о многом, многих)* муфассалан пурсидан, пурсида гирифтан

порастáть *несов. см.* **порасти́** 2

порасти́ *сов.* 1. муддате калон (бузург) шудан, расидан; нумӯ кардан 2. *чем* пӯшида шудан, паҳш карда шудан; **дорóжки поросли́ травóй** пайраҳаҳоро сабза пӯшидааст ◇ **бы́льём (бы́лью) поросло́** боди фаромушӣ бурд, зери гарди фаромӯшӣ монд

порвáть *сов.* 1. *что* дарронда, даридан, буридан, пора (пора-пора) кар-

дан; ~ **платье о проволоку** куртаро ба сим банд карда даррондан; ~ **бумагу в клочья** коғазро пора-пора кардан 2. *что перен.* қатъ кардан, кандан, буридан; ~ **отношения** муносибатро қатъ кардан; ~ **с мужем** аз шавҳар ҷудо шудан 3. *что, чего (всё, много)* кандан, решакан кардан, буридан, канда партофтан (гирифтан); ~ **все цветы** ҳамаи гулҳоро кандан

порва́||ться *сов.* 1. даридан, кафидан, пора шудан, канда шудан; **чулки порвались** ҷуроб дарид; **нитки порвались** ресмон канда шуд 2. *перен.* қатъ шудан, канда шудан; **наша дружба ~лась** дӯстии мо қатъ шуд

по-ребя́чески *нареч.* бачавор, мисли кӯдак

пореве́ть *сов.* 1. *(о животных)* муддате наъра кашидан, чанде ғурридан 2. *(поплакать)* муддате гиристан, гирья кардан, чанде ғаш кардан

пореде́ние *с (по знач. гл.* **пореде́ть)** холбеҳ (тунук) шудан(и), хол-хол мондан(и); ~ **волос** тунук шудани муй

пореде́||ть *сов.* 1. холбеҳ (тунук) шудан, хол-хол мондан, тоқа-тоқа шудан; **волосы ~ли** мӯй тунук шуд 2. камшумор (сирак) шудан, костан, миқдоран кам шудан; **ряды ~ли** сафҳо кам шуданд

поре́з *м* 1. *(по знач. гл.* **поре́зать** 1) буридан(и) 2. захм, ҷароҳат; **глубокий** ~ ҷароҳати чуқур

поре́зать *сов.* 1. *кого-что* буридан, бурида захмӣ кардан, захмдор кардан; ~ **руку** дастро буридан 2. *кого-что (всех, многих)* сар задан (буридан), қатли ом кардан; ~ **всех кур** ҳамаи мурғонро сар задан 3. *что, чего* буридан, қалам (пора) кардан; ~ **хлеба** нон пора кардан 4. *что, чего и без доп.* муддате буридан (қалам кардан)

поре́заться *сов.* буридан; андаке бурида шудан, захмӣ (захмдор) шудан

порезви́ться *сов.* муддате шухи (бози) кардан, ҷастухез кардан

поре́й *м* пиёзи даштӣ; **лук-~** пиёзи даштӣ

порекомендова́ть *сов. кого-что* тавсия (пешниҳод, муаррафӣ) кардан, маслиҳат додан; ~ **на работу кого-л.** касеро ба кор тавсия кардан

поре́чье *с обл.* дарьёбод, ҷойҳои кад-қади дарьё, мавзеи соҳнли дарьё, замини лаби дарьё

пореши́||ть *сов. прост.* 1. *на чём и с неопр.* ба қарор омадан, тасмим гирифтан, қарор додан; **так мы и ~ли** мо ба ҳамин қарор омадем 2. *что* ба охир расондан, анҷом додан, хатм (тамом) кардан; ~ **дело** корро анҷом додан 3. *кого (убить)* куштан, қатл (нобуд) кардан

поржа́ве||ть *сов. разг.* занг задан (бастан), зангор бастан; **все ножи ~ли** ҳамаи кордҳоро занг задааст

порисова́ть *сов.* муддате расмкашӣ (наққошӣ, сураткашӣ) кардан

порисова́ться *сов.* каме худнамоӣ (таманно) кардан, худро намоиш додан

пористость *ж* масомадорӣ, сурохчадор будан(и), ковокӣ; ~ **почвы** ковокии хок

по́ристый, -ая, -ое (пористӣ, -а, -о) масомадор, сурохчадор, ковок

порица́ние *с* мазаммат, сарзаниш, маломат, таъна; **вынести** ~ мазаммат кардан

порица́тель *м книжн.* мазамматкунанда, сарзанишкунанда, таъназан

порица́ть *несов. кого-что* мазаммат (сарзаниш, маломат) кардан, таъна задан

порица́ться *несов. страд.* мазаммат (сарзаниш) карда шудан

по́рка I *ж (по знач. гл.* **поро́ть** I) чок (кук, дарз) кандан(и); ~ **одежды** чок (кук) кандани либос

по́рка II *ж (по знач. гл.* **поро́ть** II) шаллоққорӣ, қамчинкорӣ

порнографи́ческий, -ая, -ое порнографӣ, ...и порнография, беҳаёёна

порногра́фия *ж* порнография *(беҳаёёна ва қабеҳ тасвир кардани чизе, ки бо алоқаи ҷинсӣ вобастааст)*

по́ровну *нареч.* баробар, мусовӣ; **разделить** ~ баробар тақсим кардан; **все получили** ~ ҳама баробар ҳақ гирифтанд

поро́г *м* 1. остона, даргоҳ; 2. *(речного дна)* обшора, сад(д); **диепровские ~и** саддҳои Днепр 3. *перен.* ҳад, дамгах, дам ◇ **за** ~ аз хона ба берун; **за ~ ни ногой** аз остона як қадам берун намондан; **за ~ом** аз хона берун; **на ~ не пускать** ба дар наздик шудан намондан; қабул накардан; **на ~е** 1) наздик, дар паси дар 2) дар дами...; **на ~е смерти** дар дами марг; **у ~а** *то же, что* **на ~е** 1); **обивать [все] ~и** остонаро охурча кардан; **вот бог, а вот ~** *погов.* кафшатон пеш мондагӣ, чор тарафатон қибла

поро́д||а *ж* 1. ҷинс, зот, навъ, насл; **различные ~ы лошадей** ҷинсҳои гуногуни асп; **редкая ~а собак** зоти камьёби саг // *разг. (породистость)* хушзотӣ, зотӣ будан(и) 2. *(вид растения)* ҷинс, зот, навъ, хел; **древесные ~ы** навъҳои (ҷинсҳои) дарахт 3. ҷинс, тоифа; **он из богатырской ~ы людей** у аз тоифаи баҳодурон [аст] 4. *уст.* нажод, аҷдод, насаб 5. *уст. и прост. (род, семья)* аслу насаб, зоту зурриёт 6. *мин.* ҷинс; **горные ~ы** ҷинсҳои кӯҳӣ ◇ **материнская ~а** *геол.* қишри манша

поро́дистость *ж* хушзотӣ, зотӣ будан(и)

поро́дист||ый, -ая, -ое (породист, -а, -о) 1. *(о животных)* зотӣ, хушзот, хушҷинс, тозанасл; **~ая лошадь** аспи хушзот; **~ый щенок** сагбачаи хушҷинс 2. *уст. разг.* асилзода; **~ое лицо** қиёфаи асилзоданамо

породи́ть *сов.* 1. *кого уст. и высок.* зоидан, сабук шудан, таваллуд кардан 2. *что перен.* тавлид (пайдо) кардан, ба вуҷуд овардан; ~ **разногласия** ихтилоф ба вуҷуд овардан

породни́ть *сов. кого-что* наздик (қариб) кардан, хешу табор (хешу ақрабо) кардан, қаробат пайдо кунондан

породни́ться *сов.* хеш (хешу табор, хешу ақрабо) шудан, хешӣ пайдо кардан, қаробат пайдо кардан

поро́дность *ж с.-х.* хушзотӣ, хушҷинсӣ, зотӣ будан(и); **улучшить ~ овец** гуспандҳоро хушзот кардан

поро́дный, -ая, -ое *с.-х.* зотӣ, хушзот, хушҷинс, тозанасл; ~ **скот** чорвои зотӣ

порожда́ть *несов. см.* **породи́ть**

порожда́ться *несов. страд.* зоида (таваллуд) шудан

порожде́ние *с книжн.* самара, натиҷа, зода, маҳсул; **это — ~ его фантазии** ин самараи хаёлоти ӯст, ин зодаи парвози фикри ӯст

поро́жек *м* 1. *уменьш. к* **поро́г** 1; 2. *обл. (ступенька)* зинача, зинапояча

поро́жистость *ж* обшорадор (пасту баланд) будан(и); ~ **реки** обшорадор будани дарьё; пасту баланд будани таги дарьё

поро́жист||ый, -ая, -ое (порожист, -а, -о) обшор, тагаш пасту баланд; **~ая река** дарьёи тагаш пасту баланд

поро́жн||ий, -яя, -ее холӣ, тиҳӣ; **~ий ящик** қуттии холӣ; **~ий рейс** бе бор рафтани мошин ◇ **переливать из пустого в ~ее** 1) бо ғалбер об кашондан 2) жожхой кардан, об дар ҳован кубидан

порожня́к *м ж.-д.* вагонҳои холӣ

порожняко́м *нареч.* бе бор, холӣ

по́роз *м обл.* 1. *(самец свиньи)* нархук 2. *(бык)* барзагов, гови нар

по́рознь *нареч. (отдельно)* алоҳида, ба алоҳидагӣ, ҷудогона; **жить ~** ба алоҳидагӣ зистан // *(по одному)* танҳо-танҳо, ҷудо-ҷудо, як-як, тоқа-тоқа, алоҳида-алоҳида; **входите ~!** яккасӣ дароед!, як-як дароед!

порозове́ть *сов.* гулобиранг (гулгун) шудан, сурхчатоб шудан

поро́й *нареч.* гоҳ-гоҳ, гоҳо, баъзан

поро́к *м* 1. айб, нуқс, нуқсон, қусур, камбудӣ, иллат; **~и капитализма** иллатҳои капитализм 2. *(физический недостаток)* айб, ноқисӣ 3. *уст. (разврат)* фисқу фуҷур, бадахлоқӣ ◇ ~ **сердца** *мед.* иллати дил

пороня́ть *сов. что разг. (всё, многое)* афтондан, як-як ғалтондан

поропта́ть *сов. разг.* муддате ғур-ғур (ғурунг-ғурунг) кардан, чанде шикоят (шиква) кардан

поросёнок *м* 1. хукбача, хукча 2. *перен. разг. шутл.* чиркинак

поросი́ться *несов.* зоидан *(оид ба хук)*

по́рослевый, -ая, -ое *бот., с.-х.* ...и навбеҳ, ...и навда, ...и ниҳол

по́росль *ж* 1. *(побеги)* навбеҳ, беҳчаст, навда, ниҳол // *перен. (молодое поколение)* насли наврас 2. *(молодой лес)* ниҳолзор, чакалакзор, ҷангали ҷавон // *(кустарник)* паттазор, буттазор // *разг.* муй, риш; **юноша с жидкой ~ю усов** навхат

пороси́ *с обл. см.* **поросёнок** 1

пороси́тина *ж* гӯшти хукбача

пороси́тник *м* хукхона

пороси́чий, -ья, -ье ...и хукбача, ...и хукча; ~ **визг** чирроси хукбача

поро́ть I *несов. что* чок (кӯк, дарз) кандан; ~ **старое платье** куртаи кӯҳнаро кук кандан ◇ **ни шьёт ни порет** *погов.* на ба ин ёру на ба он ғамхор

поро́ть II *несов. кого разг.* қамчинкорӣ кардан

поро́ть III *несов. что:* ~ **горя́чку** даступо хӯрдан; ~ **ахинею (дичь, вздор, ерунду́, галиматью, чепуху́, чушь)** сафсата (ҳарза, музахраф, лағв) гуфтан

по́рох *м* борут, доруи милтиқ; **бездымный** ~ борути бедуд ◇ **как** ~ 1) гӯгирд барин *(дар бораи сузишворӣ)*; 2) зудранҷ, тундмизоҷ, тундху; **он ~а не вы́думает** вай камфаросат (камфаҳм) аст; **~у не ню́хал** бӯи борут ба димоғаш нарасидааст; **~у не хвата́ет** *у кого* зураш намерасад; **да́ром тра́тить** ~ меҳнати барабас кардан, беҳуда азият (ташвиш) кашидан; **держа́ть** ~ **сухи́м** шамшер бараҳна доштан; **ни сине (си́ня) ~а нет (не оста́лось)** ному нишон намонд, ҳеҷ чиз (осоре) намонд; **па́хнет ~ом** бӯи ҷанг меояд; **есть ещё** ~ **в пороховни́цах** *у кого* ҳоло он қадар ҳам аз қувват намондааст

порохово́й, -а́я, -о́е борутӣ, ...и борут, ...и доруи милтиқ; ~ **дым** дуди борут; ~ **по́греб** анбори борут, борутхона; ~ **заво́д** корхонаи борут

поро́чить *сов. кого-что* беэътибор кардан, таъна (наҳ) задан, бадном кардан; ~ **чьё-л. и́мя** касеро бадном кардан

поро́читься *несов. страд.* беэътибор карда шудан, бадном карда шудан

поро́чность *ж* 1. бадахлоқӣ, беҳаёи, фосиқӣ, фоҳишӣ, фосидӣ; ~ **поведе́ния** бадахлоқӣ 2. ноқисӣ, иллатнокӣ, нуқсондорӣ; ~ **ме́тода** ноқисии усул

поро́чн||ый, -ая, -ое (поро́ч|ен, -на, -но) 1. бадахлоқ, беҳаё, фосиқ, фоҳиш, фосид; **~ое поведе́ние** рафтори бадахлоқона 2. ноқис, нодуруст, иллатнок, нуқсондор, айбдор; **~ое доказа́тельство** далели нодуруст ◇ **~ый круг** 1) *(логическая ошибка)* саҳви (ғалати) мантиқӣ; 2) *(безвыходное положение)* вазъияти беилоҷ, ночорӣ

поро́ша *ж* барфи тоза (нав, аввал)

порош||и́ть *несов.* 1. *(падать — о мелком снеге)* реза-реза омадан, зарра-зарра (майда-майда) боридан 2. *что (засыпать — о снеге)* пӯшондан; **снег ~т зе́млю** барф ҳама ҷоро сап-сафед мепӯшонад // *(засорять сыпучим)* ифлос (пур) кардан; **ве́тер ~т глаза́ пы́лью** шамол ба чашмҳо гард оварда мезанад

порошко́в||ый, -ая, -ое ...и хока; суда, мазин; **~ое молоко́** шири хока

порошкообра́зн||ый, -ая, -ое ...и хока, гардмонанд, хокамонанд; **~ое вещество́** моддаи гардмонанд

порошо́к *м* 1. хока, гард; **зубно́й** ~ гарди дандон 2. доруи хока, як воя доруи хока; ~ **от головно́й бо́ли** доруи хокаи дарди сар; **лека́рство в порошка́х** доруи хока, суфуф ◇ **перси́дский** ~ *уст.* доруи кайк; **стере́ть (растере́ть) в [ме́лкий]** ~ *кого* ба хок яксон кардан; гард-гард кардан

поро́шочный, -ая, -ое ...и хока

поро́ю *нареч. см.* **поро́й**

порска́нье *с (по знач. гл.* **порска́ть***)* киш-киш кардан(и), киш-киш додан(и), шӯрондан(и); *(звуки)* киш-киш

по́рскать *несов. см.* **по́рскнуть**

порска́ть *несов. кого охот.* киш-киш кардан (додан), ҷанг андохтан, шӯрондан *(сагро ба ягон ҳайвон)*

по́рскнуть *сов. обл.* 1. *(фыркнуть от смеха)* қиқиррос зада хандидан, қиқиррӣ хандидан 2. *(убежать)* тез (қанот бароварда) гурехтан

порскну́ть *сов. однокр. к* **порска́ть**

порт *м* бандар, бандаргоҳ, лангаргоҳ; шаҳри бандарӣ; **речно́й** ~ бандаргоҳи дарьёӣ; **морско́й** ~ бандаргоҳи баҳрӣ; **торго́вый** ~ бандари тиҷоратӣ; **войти́ в** ~ ба бандар дохил шудан ◇ **возду́шный** ~ фурудгоҳ, аэропорт; **есте́ственный** ~ бандари табиӣ

порта́л *м* 1. *архит.* пештоқ, арк, даромадгоҳи асосӣ 2. *тех.* портал *(қисми пеши мошин, ки шакли ҳарфи П-ро дорад)*

порта́льн||ый, -ая, -ое 1. *архит.* пештоқӣ, ...и пештоқ, ...и арк, аркӣ; **~ые коло́нны** сутунҳои пештоқ 2. *тех.* аркнок, пештоқдор, портальдор; **~ый кран** крани портальдор

портати́вность *ж* ихчамсохт будан(и), ихчамӣ, сафарӣ будан(и)

портати́вный, -ая, -ое ихчамсохт, сафарӣ; ~ **магнитофо́н** магнитофони ихчамсохт

порта́ч *м груб. прост.* вайронкор, харобкор, табоҳкор

порта́чить *несов. груб. прост.* ноухдабароёна (табоҳ, хароб, вайрон) кардан

портве́йн *м* портвейн

по́ртер *м* портер, оби ҷав

по́ртерный, -ая, -ое ...и портер, ...и оби ҷав, портерӣ

по́ртик *м архит.* долон, собот, айвон *(роҳрави болопӯши ду паҳлуяш кушода ва каторсутундор)*

по́ртить *несов.* 1. *что* вайрон (хароб) кардан, шикастан, табоҳ кардан; ~ **стано́к** дастгоҳро вайрон кардан; ~ **зре́ние** чашмро хароб кардан, чашмро аз кор баровардан 2. *что* вайрон (бадтар, халалдор) кардан; ~ **отноше́ния** муносибатро вайрон кардан; ~ **настрое́ние кому́-л.** димоғи касеро сӯзондан 3. *кого-что* вайрон кардан, бадахлоқ кардан; ~ **ребёнка** бачаро эркаю вайрон кардан 4. *кого уст.* чашм расидан, ҷоду кардан ◇ ~ **кровь кому́-л.** касеро оташин кардан; ~ **себе́ кровь** оташин шудан; ~ **не́рвы кому́-л.** ба асабхои касе нохун задан

по́рт||иться *несов.* 1. вайрон (хароб) шудан, аз кор баромадан, табоҳ шудан; **часы́ от сы́рости ста́ли ~иться** соат аз таъсири рутубат вайрон шуда истодааст 2. *(тухнуть)* бадбӯй шудан, гандидан, вайрон шудан 3. вайрон (бадтар) шудан; **пого́да ~ится** ҳаво бад шуда истодааст 4. *(нравственно)* вайрон шудан, бадахлоқ шудан 5. *страд.* вайрон (хароб) карда шудан

портки́ *тк. мн. прост.* эзор, шалвор

портмоне́ *с нескл. уст.* капчуқ, ҳамьён, капчуқи (ҳамьёни) ҷармин

портни́ха *женск. к* **портно́й**

портно́вск||ий, -ая, -ое *разг.* ...и либосдӯзӣ, ...и дарзӣ, ...и хайёт; **~ие но́жницы** қайчии дарзӣ

портно́й *м* либосдӯз, дарзӣ, дӯзанда, мошиначӣ, хайёт; **мужско́й** ~ дӯзандаи либосҳои мардона

портня́жить *несов. прост.* либосдӯзӣ (дарзигӣ, дӯзандагӣ, мошиначигӣ, хайётӣ) кардан

портня́жка *м унич. к* **портно́й** нимчадарзӣ, хайёти беҳунар

портня́жничать *несов. см.* **портня́жить**

портня́жничество *с* либосдӯзӣ, дарзигӣ, дӯзандагӣ, мошиначигӣ, хайётӣ

портня́жн||ый, -ая, -ое ...и либосдӯзӣ, ...и дӯзандагӣ, ...и хайётӣ; **~ое де́ло** касбу кори дӯзандагӣ

по́рто *с нескл.* порто *(хароҷоти почтаю телеграф, ки муштарӣ медиҳад)*

порто́вый, -ая, -ое ...и бандар; ...и бандаргоҳ, бандаргоҳӣ; ~ **рабо́чий** коргари бандар; ~ **склад** анбори бандаргоҳ

по́рто-фра́нко *с нескл.* порто-франко *(бандаре, ки ҳуқуқи савдои бебоҷро дорад)*

портпле́д *м уст.* кӯрпапеч, мафраш

портре́т *м* 1. акс, сурат, тасвир, расм; ~ **Пу́шкина** сурати Пушкин 2. *перен.* тимсол, монандӣ, шабоҳат, биайниҳӣ; **он был ~ом свое́й ма́тери** вай биайниҳӣ модараш буд 3. *лит.* симо, тавсиф; **литерату́рный** ~ симои бадеӣ

портрети́ст *м* рассом, наққош, суратнигор, пайкарнигор

портре́тн||ый, -ая, -ое 1. ...и пайкарнигарӣ, ...и акс, ...и сурат, ...и расм; **~ое схо́дство** монандии биайниҳӣ, шабоҳатнокӣ; **~ая жи́вопись** пайкаркашӣ 2. *в знач. сущ.* **портре́тная** *ж уст.* суратхона *(хонае дар ҳавлии ашроф, ки дар он аксҳои аҳли хонадон овехта мешуд)*

портсига́р *м* папиросдон, тамокудон

португа́лец *м* португалӣ

португа́лка *ж* зани (духтари) португалӣ, португализан, португалидухтар

португа́льский, -ая, -ое португалӣ, ...и Португалия; ~ **язы́к** забони португалӣ

португа́льцы *мн.* португалиҳо

портула́к *м бот.* хурфа *(навъҳои алафи хӯрданӣ ва ороишӣ)*

портула́ковый, -ая, -ое ...и хурфа, хурфагӣ; ~ **ко́рень** решаи хурфа

портупе́йный, -ая, -ое ...и шамшеровезӣ, ...и шамшер; ~ **реме́нь** тасмаи шамшеровезӣ, банди шамшер

портупе́я *ж* тасмаи шамшеровезӣ, ҳамоили шамшер, силоҳовез

портфе́л||ь *м* 1. ҷузвкаш, ҷузвгир, киф, портфель; **ко́жаный ~ь** портфели ҷармин 2. мартабаи вазир; **мини́стр без ~я** вазири мушовир ◇ **редакцио́нный ~ь**, **~ь реда́кции** маҷмӯи дастнависҳо *(ки нашриёт, идораи маҷалла ё рӯзнома барои чоп қабул кардааст)*

портфе́льный, -ая, -ое ...и ҷузвкаш, ...и ҷузвгир, ...и портфель; ~ **замо́к** қулфи портфель

портшёз *м уст.* алвонҷкурсӣ, курсии равон

порты́ *тк. мн. уст. см.* **портки́**

портье́ *м нескл.* дарбони (хизматгузори) меҳмонхона

портье́ра *ж* парда, ҳиҷоб

портье́рн||ый, -ая, -ое пардавор, пардабоб; **~ая ткань** пардаворӣ, матои пардабоб

портя́нка *ж* пойтоба

портя́ночн||ый, -ая, -ое пойтобавор, ...и пойтоба, пойтобабоб; **~ая мате́рия** пойтобаворӣ, матои пойтобабоб

поруба́ть *сов. обл. см.* **поруби́ть** 2

поруби́ть *сов.* 1. *что (всё, многое)* буридан, афтондан, бурида нобуд кардан; ~ **молодо́й** лес бешаи навро бурида нобуд кардан 2. *что, чего* реза-реза (майда, пора) кардан; ~ **капу́сты** карам пора кардан; ~ **дров** ҳезум кафондан 3. *кого-что (всех, многих)* аз дами теғ гузарондан, қалам-қалам кардан

поруби́ться *сов.* муддате шамшерзанӣ (кордзанӣ) кардан

пору́бка *ж* 1. (*по знач. гл.* **порубить** 1) буридан(и), афтондан(и); ғайриқонунӣ афтондани (буридани) дарахт 2. ҷои (маҳалли, мавзеи) дарахтбурӣ; **све́жая** ~ ҷои (маҳалли) нави дарахтбурӣ

пору́бщик *м* дарахтбур

поруга́ние *с книжн.* таҳқир; ҳақорат, дашном; **отда́ть на** ~ гирифтори таҳқир кардан

пору́ганн||ый, -ая, -ое (пору́ган, -а, -о) 1. *прич.* дашномшунида, мазамматшуда, беиззатшуда 2. *прил.* таҳқирдида; **~ая честь** обруи рехта, шарафи (иззати) барбодрафта

поруга́ть *сов. кого-что* 1. муддате коҳиш (сарзаниш) кардан, каме дашном додан, андаке ҳақорат (мазаммат) кардан 2. *уст. книжн.* гирифтори таҳқир кардан

поруга́ться *сов.* 1. *с кем-чем* ҷангӣ (ногап) шудан 2. муддате ҷангу ҷидол (ҷанҷол, низоъ) кардан

пору́гивать *несов. кого-что разг.* гоҳ-гоҳ коҳиш (ҷанг, сарзаниш) кардан, дашном додан, мазаммат (ҳақорат) кардан

пору́гиваться *несов. разг.* гоҳ-гоҳ ҷангу ҷанҷол (ҳақорат) кардан

пору́к||а *ж* кафолат, кафилӣ, замонат, зоминӣ ◇ **кругова́я ~а** ошнопарастӣ, ошнобозӣ; **взять на ~и** ба кафолат гирифтан; **отда́ть на ~и** ба кафолат додан

поруководи́ть *сов. кем-чем и без доп.* муддате роҳбарӣ (роҳбаладӣ) кардан

по-румы́нски *нареч.* руминӣ, ба руминӣ

порумя́нить *сов. что* андак сурхӣ молидан (давондан), каме сурх кардан; ~ **щёки** ба рухсораҳо андак сурхӣ молидан

порумя́ниться *сов.* ба худ андак сурхӣ молидан

по-ру́сски *нареч.* ба русӣ, ба забони (ба лафзи) русӣ

пору́ха *ж уст. и обл.* 1. вайронӣ, харобӣ; зарар, зиёноварӣ 2. бадбахтӣ, фалокат

поруча́ть *несов. см.* **поручи́ть**

поруча́ться *несов. страд.* супурда шудан

поруче́йник *м бот.* талха *(алафи заҳрноке, ки дар лаби ҳавзҳо меруяд)*

поруче́нец *м* хизматгузор, коргузор *(шахси маъмуре, ки супоришҳои расмиро ба иҷро мерасонад)*

поруче́ни||е *с* супориш, вазифа; **обще́ственное ~е** вазифаи ҷамъиятӣ; **дать ~е** супориш додан, ҳавола кардан; **по чьему́-л. ~ю** бо супориши касе

по́ручи *тк. мн.* 1. *ист.* остинчаҳои металлӣ *(дар яроқҳои зиреҳпуш)* 2. *церк.* остинчаҳои кашишҳо

пору́чик *м* поручик

поручи́тель *м* кафил, зомин, кафолатдиҳанда, кафилшаванда

поручи́тельница *женск. к* **поручи́тель**

поручи́тельн||ый, -ая, -ое ...и кафолат, ...и замонат; **~ое письмо** замонатнома, мактуби (коғази) кафолат

поручи́тельск||ий, -ая, -ое ...и кафил, ...и зомин; **~ая по́дпись** имзои кафил

поручи́тельство *с* кафолат, замонат

поручи́ть *сов. кому-чему* 1. *что и с неопр.* супурдан, фармудан; ~ **кому́-л. составле́ние спи́сков** тартиб додани рӯйхатро ба касе супурдан 2. *кого-что* бовар карда супурдан, ба умеди *касе, чизе* шудан; ~ **сы́на ро́дственникам** писарро дар хонаи хешу табор мондан

поручи́ться *сов. за кого-что* кафил (зомин) шудан, ба кафилӣ гирифтан, замонат додан; ~ **за това́рища** ба рафик кафил шудан

по́ручни *мн.* (*ед.* **по́ручень** *м*) дастак, дастқапак дастгирак; **держа́ться** за ~ **ваго́на** дастаки вагонро дошта истодан

пору́шить *сов. что* 1. *обл.* хароб (вайрон) кардан, шикастан 2. *уст.* нест (нобуд, несту нобуд) кардан, талаф кардан

пору́шиться *сов.* 1. *обл.* хароб (вайрон) шудан, шикастан 2. *уст.* барбод рафтан, нест (нобуд) шудан

порфи́р *м мин.* порфир, санги самоқ *(ҷинси кӯҳии вулқонӣ, ки дар бинокорӣ истифода мешавад)*

порфи́ра *ж* абои шоҳӣ, абои қирмизии подшоҳон

порфири́т *м мин.* порфирит *(як навъ ҷинси бекварци кӯҳӣ)*

порфи́рный, -ая, -ое 1. *мин.* порфирӣ, ...и санги самоқ; ~ **обели́ск** санги ёдгории порфирӣ, лавҳи порфирӣ 2. *уст.* *(багряный)* қирмизӣ, арғувонӣ, супсурх

порфи́ров||ый, -ая, -ое *мин.* порфири, ...и санги самоқ; **~ая структу́ра поро́ды** таркиби порфирии ҷинси кӯҳӣ

порфироно́сец *м уст. поэт.* подшоҳ, султон

порфироно́сный, -ая, -ое *уст. поэт.* шоҳона, пурҳашамат

порха́||ть *несов.* парвоз карда гаштан, парида гаштан; **пти́цы ~ют по ве́ткам** мурғон аз бутта ба бутта парида мегарданд // *перен.* сабук ва тез гаштан (ҳаракат кардан) // *перен. ирон.* лоубололона зиндагӣ кардан, айёшона зистан

порхну́ть *сов. см.* **порхать**

порцио́н *м уст. см.* **по́рция**

порцио́нн||ый, -ая, -ое 1. ...и порция 2. *(по заказу)* супориши; тайёршаванда; **~ые блю́да** таомҳои фармуда

по́рци||я *ж* ҳисса, саҳм, порс, миқдор; **две ~и моро́женого** ду порс яхмос

по́рча *ж* 1. (*по знач. гл.* **по́ртить**) вайрон (хароб) кардан(и); (*по знач. гл.* **по́ртиться**) вайрон (хароб) шудан(и), шикастан(и); ~ **станка́** вайрон кардани дастгоҳ; ~ **зре́ния** заиф шудани чашм 2. *обл.* чашм расидан(и), ҷоду кардан(и)

по́рченный *прич.* (порчен, -а, -о) вайроншуда, шикасташуда

по́рчен||ый, -ая, -ое 1. ганда, вайрон, гандида; **~ые проду́кты** маҳсулоти гандида 2. *обл.* чашмрасида, ҷодушуда

по́ршень *м тех.* поршень

поршнев||о́й, -ая, -о́е *тех.* ...и поршень, поршеньдор; **~ы́е ко́льца** ҳалқаҳои поршень; **~о́й насо́с** насоси поршеньдор

по́ры *мн.* (*ед.* **по́ра** *ж*) масома, шикофчаҳо, сурохчаҳо, ковокчаҳо

порыба́чить *сов.* муддате моҳигирӣ кардан, моҳӣ шикор кардан, моҳӣ доштан

поры́в I *м* 1. шиддат, авҷ, хуруҷ, ғалаён; ~ **ве́тра** шиддати бод 2. ҷушу хуруш, авҷ; **в ~е гне́ва** дар ҷуши ғазаб; **в ~е ра́дости** дар авҷи шодӣ, дар айни шодкомӣ; **в единоду́шном ~е** бо ҷушу хуруши умумӣ

поры́в II *м* 1. (*по знач. гл.* **порва́ться** 1) даридан(и), пора шудан(и), канда шудан(и); ~ **проводо́в** канда шудани симҳо 2. ҷои кандашуда (гусиста); **найти́ ~ в про́воде** ҷои гусистаи симро ёфтан

порыва́ние *с* (*по знач. гл.* **порва́ть** 2) қатъ кардан(и), кандан(и), буридан(и)

порыва́ть *несов. см.* **порва́ть** 2

порыва́ться I *несов.* 1. *см.* **порва́ться** 2; 2. *страд.* канда шудан

порыва́||ться II *несов.* 1. *(стремиться подняться)* азми болоравӣ доштан, кӯшиши хестан кардан 2. *с неопр.* қасд (азм) кардан, майл (шавқ) доштан, карданӣ шудан; **он ~лся что́-то сказа́ть** у майли чизе гуфтан дошт; **~ться взлете́ть** азми парвоз кардан, париданӣ шудан, шавқи парвоз доштан

поры́висто *нареч.* бо шиддат; чобукона, чолокона; бо ғайрат, бо эҳтирос, бо ҷушу хуруш

поры́вистость *ж* 1. *(ветра)* шиддатнокӣ, суръатнокӣ 2. чобукӣ, тунду тезӣ, чолокӣ, шиддатнокӣ; ~ **движе́ний** чобукии ҳаракат, тунду тез будани ҳаракат 3. *(пылкость)* тундӣ, тезӣ, ҷушу хуруш; ~ **хара́ктера** тундии мизоҷ

поры́вист||ый, -ая, -ое (поры́вист, -а,

-о) 1. *(о ветре)* бошиддат, босуръат 2. чобукона, тунду тез, чолокона; **~ая походка** гашти тез (тунд) 3. тунд, тез, боҳарорат, ҷушон, пурэҳтирос; **~ая натура** мизоҷи тунд, шахси пурэҳтирос

порыжелый, -ая, -ое *разг.* зардчашуда, зардча, малла, заҳир; **~ воротник** гиребони зардчашуда

порыже||ть *сов.* зард шудан, зардча (малла, заҳир) шудан; **трава ~ла** алаф зард шуд

порыскать *сов. разг.* муддате такудав кардан, такопӯ (кофтуков) кардан, давуғеҷ кардан

порыть *сов. что и без доп.* муддате кофтан (кандан)

порыться *сов.* муддате кофта (канда) тит кардан; **~ в песке** регро кофта тит кардан // *(поискать)* кофта дидан, кофтан; **~ в карманах** кисаҳоро кофта дидан ◇ **~ в памяти** фикр карда-фикр карда ба хотир овардан

порычать *сов.* муддате ғуррос задан, андаке наъра кашидан (задан)

порядиться *сов.* 1. *(нанять)* байъ кардан 2. *(наняться)* кироя шудан

порядков||ый, -ая, -ое тартибӣ, аз рӯи тартиб; **~ый номер** рақами тартибӣ; **~ое числительное** *грам.* шумораи тартибӣ

порядком *нареч. разг.* 1. хеле, бисьёр; **мне это ~ надоело** ин хеле ба дилам задааст 2. дурустакак, ба қадри кифоя, бояду шояд; **я ничего ~ не видел** ман ҳеҷ чизро бояду шояд надидам

поряд||ок *м* 1. тартиб, низом; **привести в ~ок бумаги** коғазҳоро ба тартиб овардан; **навести ~ок** тартиб ҷорӣ кардан, муназзам кардан; **призвать к ~ку** риояи интизомро (тартибро) талаб кардан // *в знач. сказ. прост.* нағз (дуруст) аст 2. тартиб; **алфавитный ~ок** тартиби алифбоӣ; **хронологический ~ок** тартиби сол ба сол; **считать по ~ку** бо тартиб (як-як) шумурдан; **изложить по ~ку** мураттаб нақл кардан; **в ~ке очереди** бо навбат 3. тарз, роҳ, усул, қоида, тариқ, тавр, тартиб; **~ок голосования** тартиби овоздиҳӣ; **~ок избрания Советов народных депутатов** тартиби интихоби Совети депутатҳои халқӣ; **ввести новые ~ки** тартиботи нав ҷорӣ кардан; **в ~ке обсуждения** ба тариқи муҳокима; **явочным ~ком** ба таври маҷбурӣ 4. тартибот, сохт; **дореволюционные ~ки** қонуну қоидаҳои тореволюционӣ; **общественный ~ок** тартиботи ҷамъиятӣ; **охрана общественного ~ка** муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ // расм, одат, қоида; **по заведённому ~ку** мувофиқи одати маъмулӣ 5. *воен.* саф, қатор, сохт; **в боевом ~ке** бо сафи ҷангӣ; **походный ~ок** сафи сафарӣ 6. *обл. (ряд)* қатор, радда; **сажать деревья в два ~ка** дарахтонро дуратда шинондан ◇ **в ~ке** 1) *(в исправном виде)* дуруст, баҷо, соз; 2) *(благополучно)* солим, саломат, бахайр, сиҳат-саломат; **всё в ~ке** ҳама кор дуруст шуд, ҳама кор баҷост; **в ~ке чего** аз рӯи..., мувофиқи..., муносиби..., мутобиқи...; **в ~ке вещей** одатист, муқаррарист, маъмулист, чизи муқаррарист (табиист); **в ~ке обмена** ба тариқи ивазкунӣ; **в административном ~ке** бо роҳи маъмурӣ; **в пожарном ~ке** бо таъҷил, шитобкорона; **для ~ка** 1) барои тартиб, барои интизом 2) барои риоя кардани (ба ҷо овардани) расму қоида; **одного ~ка** ба ба ҳам шабеҳ (монанд); **явления одного ~ка** ҳодисаҳои ба ҳам шабеҳ; **своим ~ком** ба тарзи маъмулӣ, он тавр, ки мебояд

порядочно *нареч.* 1. бисьёр, хеле; **ждать пришлось ~** бисьёр интизор шудан лозим омад; **я ~ устал** ман хеле монда шудам 2. *уст. разг.* хуб, нағз, қаноатбахш 3. аз руи виҷдон, виҷдонан, боинсофона; **он поступил ~** вай аз руи виҷдон рафтор кард

порядочност||ь *ж* бовиҷдонӣ, боинсофӣ, покдилӣ, баномусӣ, батамизи, поквиҷдон будан(и); **я не сомневаюсь в его ~и** ман ба покдилии ӯ шубҳа надорам

порядочн||ый, -ая, -ое (порядоч|ен, -на, -но) 1. хеле калон, калонакак; **~ый участок** замини хеле калон; **~ый мороз** хунукии сахтакак; **~ый заработок** маоши дурустакак 2. хуб, нағз, кофӣ, дуруст, баҷо; **~ые знания** дониши дуруст 3. бовиҷдон, поквиҷдон, дуруст; **~ый человек** одами дуруст 4. *тк. полн. ф.* гузаро, комил, рафта истодагӣ; **~ый негодяй** нобакори гузаро; **~ый нахал** густохи гузаро

посад *м ист.* 1. *(посёлок)* қария, қасаба 2. *(предместье)* гузарҳои беруни қалъа, беруни дарвоза (қалъа); атрофи (канори) шаҳр

посадить *сов.* 1. *что* шинондан; **~ дерево** ниҳол шинондан 2. *кого-что* шинондан, ҷойгир (савор) кардан; **~ на лошадь** ба асп савор кардан; **~ в поезд** ба поезд савор кардан 3. *кого-что* ҳабс кунондан, андохтан; занҷирбанд (ишкелбанд) кардан, баста мондан, ишкел андохтан; **~ в тюрьму** ҳабс кунондан; **~ птицу в клетку** паррандаро ба қафас андохтан; **~ собаку на цепь** сагро занҷирбанд кардан 4. ба иҷрои коре банд кардан (шинондан), коре супурдан; **~ ребёнка за уроки** бачаро ба дарстайёркунӣ шинондан; **~ за чертежи** кашидани нақшаро супурдан; **~ секретарём** котиб таъин кардан 5. *кого чизе* хурондан; **~ на диету** пархез кардан (фармудан) 6. *что* фуровардан; **~ самолёт** самолётро ба замин фуровардан // *что* шинондан; **~ пароход на мель** киштиро ба рег шинондан 7. *кого разг.* ба ҳолати ногувор (ба вазъияти ноҳинҷор) монондан; **~ своим вопросом** бо саволи худ ба ҳолати ногувор монондан 8. *что разг.* чакондан; **~ пятно** доғ (доғдор) кардан; **~ кляксу** сиёҳӣ чакондан 9. *что* часпондан, мондан, гузоштан *(мас. нонро ба танур)*; **~ пирог** санбуса часпондан 10. *что* духтан, шинондан; **~ пуговицы** тугма шинондан (духтан) ◇ **~ в калошу кого-л.** касеро ба ҳолати ногувор монондан; **~ на кол** *ист.* ба фона шинондан *(навъи қатл дар замони пеш)*; **~ кого-л. на мель** дучори сахтӣ кардан; **~ на хлеб и воду** фақат нону об додан, хуроки серӣ надодан; **~ на шею чью-л., кому-л., кого-л.** ба гардани касе савор (бор) кардан

посадк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **посадить** 1) =шинонӣ, шинондан(и); **~а деревьев** ниҳолшинонӣ, дарахтшинонӣ 2. *чаще мн.* **посадки** кӯчатҳо; **молодые ~и** ниҳолҳои кучатшуда 3. *(в поезд, самолёт и т. п.)* савор кардан(и); савор шудан(и) 4. *(приземление)* фуруд омадан(и), ба замин фуромадан(и), нишастан(и); **вынужденная ~а** фуруди маҷбурии самолёт 5. *(манера держаться в седле)* нишаст дар болои зин; **свободная ~а всадника** нишасти озод дар болои зин

посадник *м ист.* шаҳрдор, ҳокими шаҳр, ҳокими вилоят *(дар Руси Қадим)*

посадница *ж ист.* 1. *женск. к* **посадник**; 2. зани (завҷаи) ҳокими шаҳр (вилоят)

посадничество *с ист.* шаҳрдорӣ, ҳокимӣ, волигӣ

посадничий, -ья, -ье *ист.* ...и шаҳрдор, ...и ҳоким

посадочн||ый, -ая, -ое 1. ...и кӯчат, кӯчатӣ, кӯчатшаванда; ...и кучаткунӣ 2. ...и саворшавӣ; **~ая платформа** ҷои [ба] поезд саворшавӣ 3. ...и фуруд омадан(и), ...и нишастан(и), фуруд=, нишаст=; **~ая площадка** фурудгоҳ, нишастгоҳ, майдони фуруд

посадск||ий, -ая, -ое *ист.* 1. ...и савдою касбу ҳунар; **~ие люди** аҳли савдою касбу ҳунар *(дар Руси Қадим)*; **~ие улицы** кучаҳои шаҳристон; гузарҳои беруни қалъа 2. *в знач. сущ.* **посадский** *м* сокини қария

посажать *сов.* 1. *кого-что (всех, многих, всё, многое)* шинондан, ҷойгир кардан; савор кунондан; **~ детей на арбу** [ҳамаи] бачаҳоро ба ароба савор кунондан; **~ пироги в печь** [ҳамаи] санбусаҳоро ба танӯр часпондан 2. *что* муддате шинондан

посаженный *прич.* (посажен, -а, -о) шинондашуда, кучат кардашуда

посажённ||ый, -ая, -ое аз руи сарҷин, сарҷин-сарҷин, сарҷин карда; **~ая продажа дров** сарҷин карда фурӯхтани ҳезум

посажён||ый, -ая, -ое =вакил, намоянда; **~ый отец** падарвакил; **~ая мать** модарвакил

посапывание *с (по знач. гл.* **посапывать**) оҳиста хур-хур кардан(и); бо димоғ нафас гирифтан(и); *(звуки)* хур-хур

посапывать *несов.* оҳиста хур-хур кардан; бо димоғ нафас гирифтан

посасывать *несов. что* макидан, андак-андак макидан

посахарить *сов. что разг.* шакар пошидан, қанд андохтан, ширин кардан

посбавить *сов. что, чего разг.* кам кардан, андак паст (поин) кардан, фуровардан; **~ цену** нархро андак

паст кардан; ~ спеси андаке аз кибру ғурур фуровардан

посбивать *сов. что (всё, многое)* тадриҷан задан, зада-зада афтондан (резондан)

посбирать *сов. что, чего разг.* андак-андак ҷамъ (ғун) кардан

посбить *сов. разг.* 1. *см.* **посбивать;** 2. *что, чего* шикастан, андак задан, зада (шикаста) тоза кардан; ~ **лёд со ступеней** яхи зинапояро тоза кардан 3. кам (паст) кунондан, фуру нишондан, фуровардан; ~ **спесь кому-л.** ғубори кибру ғурури касеро фуру нишондан

посватать *сов. кого* хостгорӣ кардан

посвататься *сов. к кому, за кого* хостгор фиристодан; хостгор шудан

посвеже||ть *сов.* 1. хунуктар (салдтар, серунтар) шудан; **ветер** ~л шамол хунуктар шуд; **в воздухе** ~ло *безл.* ҳаво серунтар шуд 2. тароват пайдо кардан, тару тоза шудан, зеботар (ҷилодортар) шудан; **зелень после дождя** ~ла кабудӣ баъд аз борон тару тоза шуд 3. бақувваттар (солимтар, бардамтар) шудан; **ребёнок** ~л **на воздухе** кудак аз ҳавои тоза бардамтар шуд

посверкать *сов.* муддате дурахшидан, андаке ҷило додан, муддате ялаққос задан

посвет||ить *сов.* 1. муддате тобидан (тофтан), андаке нур пошидан 2. *кому* муддате равшан (рушноӣ) кардан; ~**й мне фонарём** бо фонус пеши роҳамро равшан куи

посветле||ть *сов.* 1. сафедтар (равшантар) шудан; кушодтар шудан; **через час небо** ~ло баъд аз як соат осмон кушодтар шуд 2. *перен.* хурсандтар шудан; фараҳ гирифтан; **его лицо** ~ло чеҳрааш кушода шуд

посвист *м* чаҳ-чаҳ, наво; **соловьиный** ~ чаҳ-чаҳи (навои) булбул

посвиста||ть *сов.* 1. *см.* **посвистеть;** 2. *кого разг.* ҳуштак (ушпулак) кашида ҷеғ задан; **он** ~л **собаку** ӯ ҳуштак кашида сагро ҷеғ зад

посвисте||ть *сов.* муддате (чанде) хуштак (ушпулак) кашидан, муддате (чанде) чур-чур (хушт-ҳушт) кардан; **паровоз** ~л **и тронулся** паровоз ҳуштак кашиду ба ҳаракат даромад

посвистывание *с (по знач. гл.* **посвистывать)** оҳиста-оҳиста ҳуштак (ушпулак) кашидан(и); *(звуки)* чур-чур, ҳушт-ҳушт

посвистывать *несов.* гоҳ-гоҳ ҳуштак (ушпулак) кашидан; оҳиста-оҳиста чур-чур (ҳушт-ҳушт) кардан

по-своему *нареч.* 1. *(на свой лад; по своему усмотрению)* ба таври худ, ба майли худ, ба табъи худ; аз руи хоҳиши худ, мутобиқи (мувофиқи) дилхости худ, аз рӯи рағбати худ; **он решил задачу** ~ вай масъаларо ба таври худ ҳал кард; **жить** ~ ба майли худ зистан 2. *прост. (на своём языке)* ба забони худ: **он что-то лепечет** ~ ӯ ба забони худ чизе мегуяд

по-свойски *нареч. разг.* 1. *уст. (по своей воле)* бо ихтиёри худ, аз руи хоҳиши худ, ба таври худ, ба майли худ; **расправиться с кем-л.** ~ бо касе ба ихтиёри худ ҷазо додан 2. дустона, рафиқона; **скажу тебе** ~ дустона ба ту мегуям

посвятить *сов.* 1. *кого во что* ошно кардан, фаҳмонда додан, хабардор (огоҳ, воқиф) кардан; ~ **приятеля в свой планы** рафиқи хешро аз нақшаҳои худ хабардор кардан 2. *что кому-чему* додан, бахшидан, ҷудо кардан; ~ **жизнь искусству** ҳаёти худро ба санъат бахшидан; ~ **утро работе** субҳро барои кор ҷудо кардан; ~ **стихотворение матери** шеърро ба модар бахшидан 3. *кого в кого уст. и церк.* ном (унвон, рутба) додан

посвятиться *сов. в кого уст. и церк.* ном (унвои, рутба) гирифтан, мушарраф шудан

посвящать *несов. см.* **посвятить**

посвящаться *несов.* 1. *см.* **посвятиться;** 2. *страд.* дода (бахшида) шудан

посвящение *с* 1. *(по знач. гл.* **посвятить** 1, 3) ошно кардан(и), фаҳмондан(и), хабардор кардан(и); ном (унвон, рутба) додан(и) 2. *(надпись)* хати бахшиш, хати (номаи) тақдим, тақдим

посев *м* 1. *(по знач. гл.* **посеять)** кишт, киштукор, коштан(и); **начать** ~ **пшеницы** кишти гандумро сар кардан 2. кишт, зироат; **озимые** ~ы кишти тирамоҳӣ

посевн||ой, -ая, -ое 1. ...и кишт, ...и киштукор, кошталӣ; ~**ая площадь** замини киштукор, киштзор; ~**ая кампания** маъракаи киштукор; ~**ая пшеница** гандуми тухмӣ 2. *в знач. сущ.* **посевная** *ж то же, что* ~**ая кампания**

поседелый, -ая, -ое мӯйсафед, сафедмуй; сафед

поседение *с (по знач. гл.* **поседеть)** мӯйсафед (сафедмӯй) шудан(и)

поседе||ть *сов.* мӯйсафед (сафедмуй) шудан; **он заметно** ~л сафедии муи у хеле зиёд шудааст

посезонн||ый, -ая, -ое фаслӣ, мавсимӣ; ~**ые работы** корҳои мавсимӣ

посейчас *нареч. разг.* то ҳол, то ин дам, то кунун

посекретничать *несов.* пинҳони (махфӣ, рустӣ) гап задан, ғӯшакӣ (розгӯӣ) кардан

поселен||ец *м* 1. сокин, муқим, муҳоҷир; **первые** ~цы муҳоҷирони (сокинони) аввалин 2. *уст. (ссыльный)* бадарғашуда ◇ **военный** ~ец *ист.* сокини деҳаи ҳарбиён

поселени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **поселить** 1) сокин (муқим, муҳоҷир) кардан(и); *(по знач. гл.* **поселиться** 1) сокин (муқим) шудан(и) 2. *(селение)* қария, деҳа 3. *уст. (ссылка)* бадарға, табъид; **сослать на** ~е бадарға кардан ◇ **военные** ~я *ист.* қасабаҳои ҳарбиён

поселенка *женск. к* **поселенец**

поселить *сов.* 1. *кого-что* сокин (муқим, муҳоҷир) кардан, ҷой додан; ~ **вместе** аз як хона ҷой додан 2. *что перен.* пайдо кунондан, ангехтан, ба вуҷуд овардан; ~ **тревогу** изтироб ангехтан ба ҳаяҷон овардан

поселиться *сов.* 1. сокин (муқим, муҳоҷир) шудан; маскан кардан, ҷой гирифтан; ~ **в общежитии** дар хобгоҳи умумӣ ҷой гирифтан 2. *перен.* пайдо шудан; ҳукмфармо шудан

поселковый, -ая, -ое ...и қасаба, ...и посёлка; ~ **Совет народных депутатов** Совети депутатҳои халқии посёлка

посёлок *м* қасаба, посёлка; **благоустроенный** ~ қасабаи ободи

поселянин *м уст.* деҳқон, деҳотӣ, аҳли қасаба ◇ **военный** ~ *см.* **поселенец (военный поселенец)**

поселять *несов. см.* **поселить**

поселяться *несов.* 1. *см.* **поселиться;** 2. *страд.* сокин (муқим, муҳоҷир) карда шудан

посемейн||ый, -ая, -ое ...и сари ҳар оила, ...и оила, ...и ҳар оила, оилавӣ; ~**ые списки** руйхати ҳар оила

посему *нареч. уст. см.* **поэтому** ◇ **быть** ~ майлаш, шудан гирад, бигузор бошад, таваккал

посердить *сов. кого* муддате бадқаҳр кардан, каме ранҷондаи

посердиться *сов.* муддате қаҳр кардан, каме ранҷидан

посеребри||ть *сов. что* 1. ҳалли (оби) нуқра давондан, нуқракуб (нуқрагин, нуқраандуд) кардан; ~**ть ложки** қошуқҳоро ҳалли нуқра давондан 2. *перен.* нуқратоб (нуқрафом, нуқрагун) кардан; **время** ~**ло его голову** аз гузашти рузгор муи сараш нуқратоб шуд

посеребриться *сов.* нуқратоб (нуқрагун) гардидан

посереди *нареч. и предлог прост. см.* **посреди**

посередине 1. *нареч.* дар миён, дар миёна, дар васат, дар мобайн, дар марказ; **стол стоит** ~ миз дар мобайн меистад 2. *предлог с род.* дар байни..., дар мобайни..., дар маркази..., дар васати...; ~ **двора** дар мобайни ҳавлӣ

посерёдке *нареч. прост. см.* **посередине** 1

посерёдь *предлог прост. см.* **посередине** 2

посере||ть *сов.* 1. хокистарӣ (сиёҳчатоб, хокистарранг) шудан; **небо** ~ло осмон тира шуд 2. *перен.* тира (хира, хиратабъ) шудан, гирифтан

посессионн||ый, -ая, -ое *ист.* посессиявӣ, ...и посессия, дар посессия корқунанда *(оид ба истифода кардани меҳнати деҳқонони крепостнои давлатӣ дар заводҳои хусусӣ);* ~**ые крестьяне** деҳқонони дар посессия коркунанда; ~**ые предприятия** корхонаҳои посессиявӣ

посессия *ж ист.* посессия *(ба иҷора гирифтани заминҳо ва деҳқонони давлатӣ, ки дар Россияи асрҳои 18—19 ба тасарруфи соҳибкорҳои саноатӣ гузошта буд)*

посессор *м ист.* соҳиби заводи посессиявӣ; соҳиби замини иҷора

посетитель *м* тамошобин, меҳмон, муштарӣ, зиёраткунанда; **постоянный** ~ **театра** тамошобини доимии театр

посетительница *женск. к* **посетитель**

посети́||ть *сов. кого-что* 1. ба дидани *касе, чизе* рафтан, омадан, ба тамошо рафтан, боздид (зиёрат, аёдат) кардан, ташриф овардан; ~**ть больно́го** касалро аёдат кардан; ~**ть музе́й** ба музей рафтан 2. *перен.* омадан, руй (рух) додан, падид омадан, зуҳур кардан; **поэ́та ~ло вдохнове́ние** илҳоми шоир омад; **ра́дость ~ла меня́** дилам аз шодӣ саршор шуд

посе́товать *сов.* 1. *на кого-что* шикоят (гила, шиква) кардан; ~ **на плоху́ю пого́ду** аз обу ҳавои бад шикоят кардан 2. *о ком-чём* афсус (таассуф) хурдан

посе́чь I *сов.* 1. *что* буридан, пора-пора (қалам-қалам, тикка-тикка) кардан 2. *кого-что уст.* зада (қалам-қалам карда) куштан *(бо шамшер ва ғ.)*

посе́чь II *сов. кого* андаке қамчинкорӣ (калтаккорӣ) кардан

посе́чься *сов.* кафидан, аз нах рафтан *(оид ба матоъ)* // тунук (сирак, кам) шудан *(оид ба мӯй)*

посеща́емость *ж* давомат, давомот; миқдори ҳозирон (тамошобинон), ададн иштироккунандагон (зиёраткунандагон); **высо́кая ~ ле́кций** давомоти хуби маърӯзаҳо

посеща́ть *несов. см.* **посети́ть**

посеща́ться *несов. страд.* зиёрат карда шудан

посеще́ни||е *с* (*по знач. гл.* **посети́ть**) омадан(и), ба тамошо рафтан(и), зиёрат, аёдат, ташриф, ҳузур; ~**е больно́го** аёдати касал; ~**е теа́тра** тамошои театр; **цель его́ ~я...** мақсади омадани ӯ...

посе́||ять *сов. что* 1. коштан, коридан, кишт кардан; **что ~ешь, то и пожнёшь** *посл.* гандум корӣ — гандум медаравӣ, ҷав корн — ҷав медаравӣ 2. *перен.* паҳн кардан; ~**ять вражду́ (рознь)** тухми адоват коштан 3. *разг.* ғум кардан, афтондан; **я ~ял ру́чку** ман қаламамро афтондаам

посигна́лить *сов.* якчанд бор садо додан (бонг задан)

посиде́лки *тк. мн. обл.* шабнишинӣ, вақтхушӣ, меҳмондорӣ *(шабнишинии зимистонии писарону духтарони деҳа)*

посиде́ть *сов.* 1. муддате нишастан (шиштан), як қадар нишастан; ~ **на скаме́йке** дар харак нишастан 2. рафта омадан, будан; ~ **у знако́мых** дар хонаи шиносҳо будан 3. *разг.* муддате дар ҳабс будан 4. *на чём* парҳез кардан; ~ **на дие́те** парҳез кардан; ~ **на фру́ктах** ғайр аз мева аз ҳамаи хӯрокҳо парҳез кардан 5. *за чем, над чем* бо сабру тоқат машғули коре шудан; ~ **за шитьём** босаброна дарздӯзӣ кардан

поси́живать *несов. разг.* гоҳо нишастан, шиштан, дар ягон ҷой шишта вақт гузарондан

поси́льный, -ая, -ое (поси́|лен, -льна, -льно) мувофиқи қувват, ...и ба қадри қувват, ...и алоқадри ҳол; ~ **труд** меҳнати мувофиқи қувват

посине́л||ый, -ая, -ое *разг.* кабуд, кабудшуда, каб-кабуд; ~**ые гу́бы** лабҳои кабудшуда

посине́||ть *сов.* кабуд (каб-кабуд) шудан; **не́бо ~ло** осмон кабуд шуд; **он ~л от хо́лода** аз хунукӣ каб-кабуд шуд

поска́ка||ть *сов.* 1. ҷастан, ҷастухез кардан, чорхез шудан, ҳаллос задан; **ма́льчик ~л на одно́й ноге́** писарбача якпоя ҷаҳид; **за́яц ~л в лес** харгуш чорхез ба ҷангал гурехт 2. тозон рафтан; **ло́шади ~ли** аспҳо тозон рафтанд

поска́льзываться *несов. см.* **поскользну́ться**

поскандалить *сов.* ҷанҷол (марал) кардан, ҷанҷол (ғавғо) бардоштан; беобруӣ кардан

поскита́ться *сов.* муддате овора (сарсону саргардон) гаштан

поскобли́ть *сов. что* муддате харошидан, андаке тарошидан (ранда кардан)

поско́к *м* 1. ҷаҳиш, ҳаллос, ҷаст, хез задан(и); **упражне́ния с ~ами** машқи ҷастухез 2. *охот.* ҷаҳида-ҷаҳида давидан(и), ҳаллосзанон тохтан(и), ҷасту хезкунон давидан(и)

поскользну́ться *сов.* лағжидан, ғеҷидан; ~ **на льду** дар болои ях лағжидан

поско́льку *союз* азбаски, чун, модом ки, зеро ки; ~ **ты спеши́шь, я тебя́ не заде́рживаю** азбаски шитобида истодаӣ, ман туро боз намедорам

поско́нина *ж обл. см.* **по́сконь** 2

поско́нн||ый, -ая, -ое ...и карбос, карбосӣ; ~**ая руба́ха** куртаи карбос

по́сконь *ж* 1. *бот.* наринаи бангдона (банг, канаб) *(аз пояи борики он тор, ғоз, лиф тайёр мекунанд)* 2. *(домотканый холст)* карбос, суфи хоми ҷойдорӣ

поскоре́е *сравн. ст. к* **ско́ро**; ~ **возвраща́йся** зудтар баргард, тезтар баргашта ой

поско́тина *ж обл.* чарогоҳ, марғзор, яйлоқ *(чарогоҳи бо тавора иҳота шудаи назди деҳа)*

поскрёбки *мн.* (*ед.* **поскрёбок** *м*) пасмонда, сарқут

поскрёбыш *м обл.* кулча, қотурчаи таги суфра

поскрести́ *сов. что* муддате тарошидан, каме харошидан, андаке ранда кардан

поскре||сти́сь *сов.* муддате қитир-қитир кардан, чанде тарошидан, харошидан; **ко́шка ~бла́сь в дверь** гурба дарро қитир-қитир кард

поскрипе́ть *сов.* андак ғиҷиррос задан, каме ғиҷир-ғиҷир (ғиж-ғиж) кардан

поскри́пывание *с* (*по знач. гл.* **поскри́пывать**) гоҳ-гоҳ ғиҷиррос задан(и), каме ғиҷир-ғиҷир кардан(и); *(звуки)* ғиҷир-ғиҷир, ғиж-ғиж

поскри́пывать *несов.* гоҳ-гоҳ ғиҷиррос задан, каме ғиҷир-ғиҷир кардан

поскули́ть *сов.* муддате мингос задан, минг-минг кардан, уллос (нула) кашидан

поскупи́ться *сов.* андаке хасисӣ (ҳарисӣ) кардан, тангдастӣ (мумсикӣ) кардан

поскуча́ть *сов.* муддате дилтанг (дилгир, зиқ) шудан

поскучне́||ть *сов.* дилгиркунанда (дилтангкунанда, зиққкунанда) шудан, малул (зиқ, маҳзун) шудан; **мой собе́седник вдруг ~л** ҳамсӯҳбати ман ногаҳон зиқ шуд

послабле́ние *с* аҳамият надодан(и), камталаб шудан(и); **де́лать ~ кому́-л.** нисбат ба касе камталаб шудан

посла́нец *м* фиристода, қосид, намоянда, вакил, элчӣ

посла́ние *с* 1. *книжн.* пайғом, паём, нома; **любо́вное ~** паёми ошиқона; **приве́тственное ~** номаи табрик, паёми муборакбодӣ 2. *лит.* нома, мурофиатнома, мактуб, насиҳатнома; **«Посла́ние Де́львигу» Пу́шкина** «Нома ба «Дельвиг» Пушкин

посла́нник *м* 1. *дип.* сафир, элчӣ, вазири мухтор 2. *уст. см.* **посла́нец**

посла́нница *ж* 1. *разг.* зани сафир (элчӣ) 2. *женск. к* **посла́нник** 2

посла́ннический, -ая, -ое ...и сафир, сафирӣ, ...и элчӣ, ...и вазири мухтор

по́сланный, -ая, -ое 1. *прич.* фиристодашуда, роҳишуда 2. *в знач. сущ.* **по́сланный** *м*, **по́сланная** *ж* фиристода, қосид

посла́ть *сов.* 1. *кого-что и без доп.* фиристодан, равона (роҳӣ) кардан; ~ **за газе́той** барои овардани рузнома фиристодан 2. *что* фиристодан, ирсол доштан; ~ **телегра́мму** телеграмма фиристодан 3. *что* равона (равон) кардан, партофтан, фиристодан; ~ **мяч в воро́та** тубро ба дарвоза задан // ба пеш ёзондан (баровардан); ~ **ко́рпус вперёд** гавдаро (танаро) ба пеш ёзондан 4. *что:* ~ **гне́вный взгляд** нигоҳи хашмгинона кардан; ~ **покло́н** салом гуфтан ◇ **бог посла́л** *уст.* неъмати худодод, худо расонд, аз ғайб расонд; **чем бог посла́л** *уст.* ҳар чӣ, ки худо расондааст

по́сле 1. *нареч.* баъд, сони, пас; **поговори́м об э́том ~** дар ин хусус баъд гуфтугӯ мекунем 2. *предлог с род.* баъд аз, баъди...; ~ **переры́ва** баъди танаффус; ~ **рабо́ты** баъди кор; **прийти́ ~ всех** аз ҳама ақиб (охир) омадан; ~ **него́ оста́лась библиоте́ка** баъд аз сари ӯ китобхонае боқӣ монд ◇ ~ **того́, как..** *союз* баъди он ки..., пас аз он ки...

после- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «баъд»:* **послевое́нный** ...и баъди ҷанг, баъдиҷангӣ; **послегрозово́й** ...и баъд аз раъду барқ

послевое́нн||ый, -ая, -ое ...и баъди ҷанг, баъдиҷангӣ, ...и пас аз ҷанг; ~**ые го́ды** солҳои пас аз ҷанг

послегрозов||о́й, -а́я, -о́е ...и баъд аз раъду барқ; ~**а́я прохла́да** серунии баъд аз раъду барқ

после́д *м анат.* ҳамроҳ, ҳамроҳак

последи́ть *сов. за кем-чем* нигоҳубин (нигоҳ) кардан, назорат кардан; поидан; ~ **за детьми́** ба бачаҳо назорат кардан

после́дки *тк. мн. прост.* пасмонда, сарқут

после́дн||ий, -яя, -ее 1. охирин; ~**ий день ме́сяца** рӯзи охирини моҳ; **в ~юю мину́ту** дар дақиқаи охирин; **[в] ~ий раз** охирин дафъа (бор); **за ~ие го́ды**

дар солҳои охир; ~ее **сло́во обвиня́емого** сухани охирини айбдоршаванда; ~**ий звоно́к** занги охирин; ~**ий уро́к** дарси охир(ин); **собы́тия** ~**их лет** воқеаҳои солҳои охир; **он ушёл** ~**им** ӯ баъди ҳама рафт, у аз ҳама ақиб рафт; ~**ий ребёнок в семье́** бачаи охирин, кенҷа; ~**яя во́ля** васият 2. боқимонда, охирин; **спечь лепёшки из** ~**ей муки́** аз орди боқимонда кулча пухтан; ~**ие де́ньги** пули охирин // *в знач. сущ.* **после́днее** *с* буду шуд; **отда́ть** ~**ее** буду шуди худро [ба дигарон] додан 3. гузашта, охир; [**в, за**] ~**ее вре́мя** вақтҳои охир; **в** ~**ие два го́да** дар ду соли охир; **на** ~**ем собра́нии** дар маҷлиси гузашта 4. навтарин, тозатарин, охирин; ~**яя моде́ль** намунаи (амсилаи) навтарин; ~**ее изда́ние** нашри охирин; **по** ~**ему сло́ву те́хники** аз руи навтарин кашфиёти техника; ~**ие изве́стия** ахбори охирин 5. *книжн.* мазкур, зикршуда 6. қатъӣ; ~**ее реше́ние** қарори қатъӣ; ~**яя цена́** нархи охирин 7. олитарин, баландтарин, хубтарин, охирин, аъло; ~**яя ме́ра** василаи (воситаи, илоҷи, ҷазои) охирин; ~**яя инста́нция** марҳилаи олӣ (охирин) 8. пасттарин, бадтарин, гандатарин; **он** ~**ий челове́к** вай одами пасттарин аст; **э́то** ~**ее де́ло** ин пасттарини корҳост ◇ ~**ий крик мо́ды** охирин мод; ~**яя спи́ца в колесни́це** 1) одами беэътибор, одами нуфузаш хеле кам 2) чизи пасафтод, назарногир, ғайри қобили эътибор; ~**ий час** дами вопасин; **в** ~**ем гра́дусе** *уст.* дар давраи (дараҷаи) охирин; **в** ~**ем счёте** дар охир, ниҳоят, билохира; **до** ~**его** то охир, то ҳадди (имконияти) охирин; бо тамоми ҷидду ҷаҳд; **до** ~**ей возмо́жности** ҳаддалимкон; **до** ~**его дыха́ния (вздо́ха)** то дами вопасин, то дами мурдан; **до** ~**ей ка́пли кро́ви** то нафаси охирин; **на** ~**ем пла́не** дар навбати охир; **засну́ть (усну́ть)** ~**им сном** *книжн.* чашм аз ҷаҳон пӯшидан; **отда́ть** ~**ий долг кому́-л.** ба ҷанозаи касе рафтан; **проводи́ть в** ~**ий путь** *кого* ба роҳи охирин гусел кардан; **промо́кнуть до** ~**ей ни́тки** шип-шилта шудан; **сказа́ть** ~**ее прости́** алвидоъ (алвидои вопасин) гуфтан

после́дователь *м* пайрав, ҳаммаслак, тарафдор, шогирд

после́довательница *женск. к* **после́дователь**

после́довательно *нареч.* 1. пай дар пай, паи ҳам, пай дар ҳам, муттасил, мунтазам, мураттабан, пайваста 2. мантиқан, аз руи мантиқ; **рассужда́ть** ~ аз руи мантиқ муҳокима рондан

после́довательность *ж* 1. пайдарпайӣ, пайдарҳамӣ, муттасилӣ, мунтазамӣ, мураттабӣ; ~ **явле́ний** пайдарҳамии воқеаҳо 2. мантиқӣ (асоснок, аз руи ақл) будан(и); ~ **посту́пков** мантиқӣ будани рафтору амал

после́довательн||ый, -ая, -ое (после́довате|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* пай дар пай, паи ҳам, пай дар ҳам, мураттаб, мунтазам, муттасил, пайваста; **в** ~**ом поря́дке** ба тарзи мураттаб 2. мантиқӣ, асоснок, аз руи мантиқ (ақл); ~**ое рассужде́ние** муҳокимаи мантиқдор 3. собитқадам, муътақид; ~**ый боре́ц за мир** муборизи собитқадами сулҳ

после́дова||ть *сов.* 1. *за кем-чем* аз паи (аз изи) *касе, чизе* рафтан, аз паси *касе* рафтан; **все** ~**ли за ним** ҳама аз паси у рафтанд 2. *(произойти)* омадан, ба амал (ба вуҷуд) омадан, содир шудан; **показа́лся ого́нь, и** ~**л взрыв** оташ намоён шуду таркиш ба амал омад 3. *чему* пайравӣ (гуш) кардан, ибрат гирифтан, тақлид кардан; ~**ть чьему́-л. сове́ту** аз руи маслиҳати касе амал кардан

после́дстви||е *с* оқибат, анҷом, натиҷа; **дурны́е** ~**я** оқибати нохуш; **чрева́тый** ~**ями** хатарнок; оқибаташ ба хайр намешавад; **э́то влечёт за собо́й опа́сные** ~**я** ин оқибатҳои бад дорад; **оста́вить без** ~**й** бенатиҷа (беоқибат) монондан; **оста́ться без** ~**й** бенатиҷа мондан, нишонае нагузоштан

после́дующ||ий, -ая, -ее минбаъда, баъдина, сонӣ; ~**ие шаги́** чорабиниҳои минбаъда

после́дыш *м* 1. *разг.* бачаи (фарзанди) охирин, кенҷа 2. *перен. презр.* думрав, чалпаки таги тобутхур

послеза́втра *нареч.* пасфардо, пас аз пагоҳ, баъди як рӯз; **встре́тимся** ~ пасфардо вомехурем

послеза́втрашний, -яя, -ее *разг.* ...и пасфардо, ...и пагоҳи дигар

послеледнико́вый, -ая, -ое ...и баъд аз пирьяххо, баъдипирьяхӣ; ~ **пери́од** давраи баъд аз пирьяххо

послело́г *м лингв.* пасоянд

послеобе́денный, -ая, -ое ...и вақти баъд аз [хуроки] пешин; пас аз наҳор; ~ **о́тдых** истироҳати баъд аз пешин

послеоктя́брьский, -ая, -ое баъдиоктябрӣ, ...и баъд аз Октябрь

послеоперацио́нный, -ая, -ое баъди амали ҷарроҳӣ, ...и баъд аз ҷарроҳӣ; ~ **больно́й** касали аз таги ҷарроҳӣ баромада

послереволюцио́нн||ый, -ая, -ое ...и баъди инқилоб, ...и баъди революция, ...и баъд аз инқилоб; ~**ые собы́тия** воқеаҳои баъд аз инқилоб (революция)

послеродово́й, -а́я, -о́е ...и баъд аз таваллуд кардан(и), ...и баъд аз зоидан(и), ...и пас аз вазъи ҳамл

послесло́вие *с* хотима, охири сухан, охирсухан, хотимаи калом (сухан)

послеубо́рочн||ый, -ая, -ое ...и баъд аз ҳосилғундорӣ (дарав), ...и баъди ҳосилҷамъкунӣ; ~**ые рабо́ты** корҳои баъд аз ҳосилғундорӣ

по-слова́цки *нареч.* словакӣ, ба словакӣ

посло́виц||а *ж* зарбулмасал, масал, мақол; **войти́ в** ~**у** вирди забонҳо шудан, ба ҳукми зарбулмасал даромадан

посло́вн||ый, -ая, -ое калима ба калима, калимабайъ; ~**ая опла́та телегра́мм** музди калимабайъи телеграммаҳо

посло́йн||ый, -ая, -ое варақин, қабат-қабат, қабатӣ; ~**ая обрабо́тка по́чвы** коркарди қабат ба қабати замин

послоня́ться *сов. разг.* муддате сарсарӣ (овора шуда) гаштан, дайду шуда гаштан

послужи́ть *сов.* 1. *чем* будан, шудан. гардидан; ~ **причи́ной** сабаб (боис) шудан 2. муддате хизмат (хизматгузорӣ) кардан

послужно́й, -а́я, -о́е: ~ **спи́сок** рӯйхати хизматҳо, дафтарчаи (варақаи) хизмат

по́слух *м ист.* шоҳид, гувоҳ *(дар суди Руси Қадим)*

послуша́ни||е *с* 1. фармонбардорӣ, тобеӣ, итоат, гапдарой; **держа́ть в** ~**и** фармонбардори худ кардан; **хвали́ть за** ~**е** барои итоаткорӣ офарин гуфтан 2. *церк.* хизмати (вазифаи) роҳиб; кафорат

послу́ша||ть *сов.* 1. *кого-что* гуш кардан (андохтан), шунавидан; ~**ть ле́кцию** маъруза гуш кардан (шунавидан) 2. *кого-что, чего* гуш кардан (андохтан), ба гапи *касе* даромадан; итоат (фармонбардорӣ) кардан, мутеъ шудан; ~**ть сове́та дру́га** ба насиҳати дуст гӯш андохтан; ~**й меня́!** ба гапи ман даро! 3. *что и без доп.* муддате гӯш кардан (андохтан) 4. *повел.* **послу́шай (-те)** *обращ.* ба ман нигаред (зеҳн монед); ~**йте, что вы здесь де́лаете?** ба ман нигаред, шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

послу́ша||ться *сов. кого-чего* итоат (фармонбардорӣ) кардан; ба гапи *касе* даромадан (гуш кардан); **он не** ~**лся ма́тери** у гапи модарашро нагирифт, у ба гапи модараш надаромад; ~**ться хоро́шего сове́та** ба маслиҳати хуб гуш додан

по́слушник *м церк.* хизматгори дайр, пешхизмати (шогирди) роҳиб

по́слушница *женск. к* **по́слушник**

по́слушничать *несов. церк.* хизматгори дайр шудан

послу́шно *нареч.* фармонбардорона, итоаткорона, ҳалимона; ~ **вести́ себя́** рафтори ҳалимона кардан

послу́шный, -ая, -ое (послу́ш|ен, -на, -но) 1. фармонбардор, итоаткор, гапдаро, ҳалим; ~ **ребёнок** бачаи ҳалим; ~ **учени́к** талабаи гапдаро 2. *чему перен. уст.* мафтуншаванда, мутеъшаванда, дилбохта, вола 3. истеҳсолаш мулоим, коркардаш осон; ~ **материал** масолеҳи коркардаш осон

послы́ша||ться *сов.* шунавида (шунида) шудан, ба гуш расидан; ~**лся стук в дверь** тақ-тақи дар шунавида шуд

послюни́ть *сов. что* оби даҳан молидан, бо оби даҳан (бо туф) тар кардан

послюня́вить *сов. разг. см.* **послюни́ть**

посмакова́ть *сов. что* 1. муддате бо завқ (бо иштиҳо) хурдан, маза карда хурдан (нушидан) 2. муддате бо лаззати тамом коре кардан

посма́тривать *несов.* гоҳ-гоҳ нигоҳ кардан, гоҳ-гоҳ назар андохтан; дуздида нигоҳ кардан (назар афкандан); ~ **по сторона́м** ба атроф гоҳ-гоҳ назар андохтан

посмéива||ться *несов.* гох-гох хандидан, андаке табассум (лабханд) кардан; **он поглядывал на детéй и ~лся** вай ба бачаҳо назар андохта табассум мекард // *над кем-чем* писханд (ришханд, тамасхур) кардан, зери лаб (киноямез) хандидан; **он ~лся над всéми** у ҳамаро тамасхур мекард

посменно *нареч.* навбат ба навбат

посмéнн||ый, -ая, -ое навбатӣ, аз руи навбат (муҳлат), навбат ба навбат; **~ое дежýрство** навбатдорӣ аз руи муҳлат

посмéртно *нареч.* пас аз вафот (мурдан), баъд аз фавт (марг); **~ присвóить звáние Герóя Совéтского Сою́за** баъд аз вафот(аш) унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ додан

посмéртн||ый, -ая, -ое ...и пас аз вафот, ...и баъд аз фавт, ...и баъд аз марг; **~ое издáние сочинéний** асарҳои баъди маргаш нашршуда; **~ая слáва** шуҳрати баъди фавт

посмé||ть *сов. с неопр.* ҷуръат (ҷасорат) кардан; **он не ~л возражáть** у ба эътироз ҷуръат накард

посмешить *сов. кого-что* муддате хандондан, андаке хушҳол гардондан

посмéшище *с* 1. боиси ханда, мояи истеҳзо, хандахариш; **он стал всеóбщим ~м** у боиси хандаи умум гашт 2. ришханд, истеҳзо, тамасхур, масхара; **вы́ставить когó-л.** на ~ касеро масхара кардан

посмея́ние *с уст. книжн.* тамасхур, масхара, ришханд, истеҳзо; **отдáть на ~** тамасхур кунондан

посмея́ться *сов.* 1. муддате хандидан, андаке хушҳолӣ кардан 2. *над кем-чем* масхара (истеҳзо, ришханд) кардан; мазоҳ кардан

посмотрéть *сов.* 1. *на кого-что, во что* нигоҳ кардан, назар андохтан (афкандан), дидан; **~ в окнó** аз тиреза нигоҳ кардан 2. *кого-что* дида баромадан, шинос шудан, аз назар гузаронидан; тамошо кардан; **~ статью́** мақоларо дида баромадан; **~ нóвый фильм** фильми навро тамошо кардан 3. *за кем-чем* нигоҳ (назорат) кардан, хабардор шудан; **~ за детьми́** ба бачаҳо нигоҳ кардан, аз бачаҳо хабардор шудан 4. *тк. с отриц.* қатъи назар кардан, нигоҳ накардан, ба назар нагирифтан; **я не посмотрю на егó заслýги** ман аз хизматҳои у қатъи назар мекунам; **не ~ на вóзраст** ба синну сол нигоҳ накардан 5. *1 л. ед. и мн.* **посмотрю́, посмóтрим** мебинам, медонам, мебинем, медонем; арз мекунем, фикр карда мебинем; **посмóтрим, кто окáжется прав** мебинем, кӣ ҳақ мебарояд; **я ещё посмотрю́, как быть** ман чу кор карданамро фикр карда мебинам

посмотрéться *сов.* худро дидан; **~ в зéркало** худро дар оина дидан, ба оина нигоҳ кардан

посмуглéть *сов.* гандумгун шудан, сабзина (сиёҳча, сиёҳфом) шудан

поснедáть *сов. что, чего и без доп. обл.* хурок (таом) хурдан, ошомидан

поснимá||ть *сов. разг. кого-что* 1. *(всё, многое, о всех, многих)* гирифтан; ҷамъ карда (ғундошта) гирифтан; **вошéдшие ~ли шáпки** воридшудагон кулоҳ аз сар гирифтанд 2. андаке сурат гирифтан; **я немнóго ~л зá гóродом** ман дар беруни шаҳр чанд сурат гирифтам

посóби||е *с* 1. *уст.* ёрӣ, ёрмандӣ, кумак, мадад, имдод; **ви́ды ~й** навъҳои нафақа; **дéнежное ~е на детéй** нафақаи давлат барои кудакҳо 2. нафақа, ёрии моддӣ, муовинат; **выходнóе ~е** кумаки пулӣ *(дар вақти аз кор рафтан дода мешавад)* 3. китоби дарсӣ; асбоби таълимӣ, лавозимоти дарс; **нагля́дные ~я** асбобҳои аёнӣ

пособи́ть *сов. кому-чему прост.* мадад расондан, ёварӣ кардан ◇ **~ гóрю** дар рузи дармондагӣ дасти ёрӣ дароз кардан

пособля́ть *несов. см.* **пособи́ть**

посóбник *м неодобр.* ҳамкасаба, ҳамкоса, шарик *(дар кори бад)*; **~ в воровствé** шарики дузд

посóбница *женск. к* **посóбник**

посóбничество *с неодобр.* ҳамкорӣ, ҳамдастӣ, шарикӣ, ҳамкасаба (ҳамкоса) будан(и) *(дар кори бад)*

посовá||ть *сов. что разг.* андохтан, даровардан, ҷо кардан; **он ~л свои́ вéщи в чемодáн** вай чизҳояшро ба ҷомадон ҷо кард

посóвести||ться *сов. кого-чего и с неопр.* шарм доштан, изо кашидан, истиҳола кардан; **он ~лся попроси́ть иочлéга** вай аз пурсидани ҷои хоб шарм дошт

посовéтова||ть *сов. что или с неопр.* маслиҳат (машварат) додан, насиҳат кардан, панд додан; **он ~л мне обрати́ться к врачý** ӯ ба маи маслиҳат дод, ки назди духтур равам

посовéтоваться *сов.* маслиҳат кардан (гирифтан), машварат кардан; **мне хóчется ~ с вáми** ман бо шумо машварат кардан мехоҳам

посовещá||ться *сов.* муддате маслиҳат (машварат) кардан; мубодилаи афкор кардан; **мы ~лись и реши́ли éхать** мо маслиҳат карда қарор додем, ки ба сафар бароем

посодéйствовать *сов. кому-чему* ёрмандӣ (кумак) кардан, ёрӣ додан, муовинат (мусоидат) кардан

посóл I *м* 1. *дип.* сафир, элчӣ; **чрезвычáйный и полномóчный ~** сафири фавқулодда ва мухтор 2. *(посланец)* фиристода, қосид, вакил

посóл II *м (по знач. гл.* **посоли́ть** *2)* 1. ба (дар) намак хобондан(и), дар намакоб мондан(и), намак кардан(и); **~ капýсты** ба намак хобондани карам 2. оби намак; **салáка слáбого ~а** салакаи камнамак; **огурцы́ крéпкого ~а** бодиринги сернамак

посоли́ть *сов.* 1. *что* намак (намакоб) андохтан, намак задан (пошидан); **~ суп** ба шурбо намак задан 2. *что, чего* ба намак хобондан, дар намакоб мондан, намак кардан; **~ на зиму грибы́** барои зимистон занбуруғ намак кардан

посóлка *ж см.* **посóл** II

посоловéл||ый, -ая, -ое *разг.* роғ-роғ, хоболуд, хумор *(аз мастӣ ё ки аз хастагӣ)*; **~ые глазá** чашмони хумор

посоловé||ть *сов. разг.* роғ-роғ рафтан, хумор шудан; чашмро хоб пахш кардан; **егó глазá ~ли** чашмонаш хумор шуданд

посóлочный, -ая, -ое ...и намаккунӣ; **~ цех** шуъбаи намаккунӣ

посóльский, -ая, -ое *дип.* ...и сафир, ...и сафорат; ...и сафоратхона; ◇ **~ прикáз** *ист.* сафорати Россия *(муассисаи марказии ҳукумати Россия дар асрҳои 16—18, ки бо давлатҳои хориҷӣ робита дошт)*

посóльств||о *с* 1. *дип.* сафорат; сафоратхона, элчихона; **состáв ~а** ҳайати сафорат; **секретáрь ~а** котиби (муншии) сафорат 2. *разг. (депутация)* ваколат, намояндаҳо, вакилҳо

посопéть *сов.* муддате фаш-фаш кардаи, фишшос задан

пососáть *сов. кого-что* муддате макидан

пóсох *м* асо, чубдаст, таёқ, сӯта

посóх||нуть *сов.* 1. *(о всём, многом)* хушк (қоқ) шудан, намгурехта (нампарида) шудан; **дерéвья ~ли** дарахтон хушк шуданд 2. муддате хушк шудан; **пусть бельё ~нет** бигузор, ҷомашӯӣ каме хушк шавад

посочýвствовать *сов. кому-чему* шафқат (ғамхорӣ) кардан, ҳамдард шудан

посошóк *м* 1. *уменьш. к* **пóсох;** 2. *разг.* қадахи охирин (фаровард)

поспáсть *сов. разг.* кам шудан, костан, рафтан, гаштан, камқувват шудан; паст фуромадан; **подожди́, покá поспадёт жарá** сабр кун, тафти ҳаво андак гардад

поспа||́ть *сов.* муддате хоб кардан (рафтан), каме хуфтан; **пусть дéти ещё немнóго ~я́т** монед, бачаҳо боз камтар хоб кунанд

поспевáние *с (по знач. гл.* **поспéть** I 1) пухтан(и), пухта расидан(и), расидан(и); **~ овощéй** пухта расидани сабзавот

поспевáть I, II *несов. см.* **поспéть** I, II

поспé||ть I *сов.* 1. пухтан, пухта расидан, расидан; **пшени́ца ужé ~ла** гандум пухтааст 2. *разг.* пухтан; **к двум часáм ~л обéд** то соати ду хурок пухт // *прост.* расидан; тайёр (омода) шудан; **тéсто ~ло** хамир расид

поспé||ть II *сов. разг.* расидан; **мы едвá ~ли к пóезду** мо ба зур ба вақти рафтани поезд расидем

поспешáть *несов. разг.* шитоб карда (шитобон) рафтан, бо суръат рафтан, давон (дартоз) рафтан

поспéшествовать *несов. кому-чему уст. книжн.* мусоидат кардан

поспеши́||ть *сов.* шитофтан, шитоб кардан; **я ~л домóй** ман ба хона шитофтам

поспешность *ж* шитобкорӣ, таъҷилӣ, саросемагӣ, чобукӣ

поспе́шн||ый, -ая, -ое (поспе́ш|ен, -на, -но) шитобӣ, шитобкор(она), ботаъҷил, зуд, саросемавор; **~ое реше́ние вопро́са** ҳалли саросемавори масъала; **~ый шаг** иқдоми шитобкорона

поспле́тничать *сов.* муддате ғайбат (хабаркашӣ, суханчинӣ) кардан; **она любит ~** у ғайбат карданро дуст медорад

поспо́ри||ть *сов.* 1. баҳс (мубоҳиса, мунозира, мунокиша) кардан; **они ~ли из-за пустяко́в** онҳо барои ду пула гап мунокиша карданд 2. *разг.* *(заключить пари)* гарав (шарт) бастан 3. *перен.* мусобиқа (кувваозмой, зўрозмой) кардан 4. *перен.* баробар шудан, ракобат доштан, рост омадан, дар як қатор будан; **по красоте́ этот го́род мо́жет ~ть с лу́чшими города́ми ми́ра** аз ҷиҳати зебой ин шаҳр бо зеботарини шаҳрҳои олам дар як қатор меистад

поспосо́бствовать *сов.* *чему* мусоидат кардан, ёрмандӣ (мадад, кумак) кардан, ёрӣ додан

посправшивать *несов.* *см.* **поспроси́ть**

поспроси́ть *сов.* *кого* *разг.* пурсуҷӯй (пурсупос) кардан, хабардор (вокиф) шудан

поспроша́ть *сов.* *прост.* *см.* **поспроси́ть**

посрами́ть *сов.* *кого-что* 1. *книжн.* беобру (бадном) кардан, шарманда (шармсор) кардан 2. *разг.* шарм кунондан (доронидан), изо додан

посрами́ться *сов.* *книжн.* беобрў (бадном, расво) шудан, шарманда (шармсор) шудан, эътибор аз даст додан

посрамле́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **посрами́ть** 1) беобру (бадном) кардан(и), шарманда (шармсор) кардан(и) 2. расвой, шармандагӣ, шармсорӣ, залолат, нанг

посрамля́ть *несов.* *см.* **посрами́ть**

посрамля́ться *несов.* 1. *см.* **посрами́ться;** 2. *страд.* беобру (бадном) карда шудан

посреди́ 1. *нареч.* дар байн, дар миёна, дар марказ, дар васат, дар мағз 2. *предлог с род.* дар миёнҷои..., дар миёни..., дар мобайни..., дар байни...; **~ по́ля** дар миёнҷои майдон 3. *уст.* *разг.* дар вақти..., дар айни..., ҳангоми...; **~ бесе́ды** дар айни суҳбат

посреди́не *нареч.* *и предлог* *см.* **посереди́не**

посре́дник *м* 1. даллол, миёнарав, восит, воситачӣ; **торго́вый ~** даллол; миёнарави харидору фурушгор 2. *(в споре)* ҳакам, миёнарав 3. *воен.* ҳакам ◇ **миро́вой ~** *ист.* миёнарави оштидиҳанда

посре́дница *женск.* *к* **посре́дник** 1, 2

посре́дничать *несов.* *разг.* даллолӣ (миёнаравӣ) кардан, восит (мутавассит) шудан, ҳакам шудан, доварӣ кардан

посре́днический, -ая, -ое ...и даллолӣ, ...и миёнаравӣ; ...и ҳакамӣ, ...и доварӣ

посре́дничество *с* даллолӣ, миёнаравӣ, ёрӣ, восита; ҳакамӣ

посре́дствено 1. *нареч.* миёна, на хубу на бад; **~ учи́ться** миёна хондан 2. *в знач. сущ.* **посре́дственно** *с нескл.* баҳои «миёна», қаноатбахш; **сдать экза́мен на «посре́дственно»** имтиҳонро ба баҳои «миёна» супурдан

посре́дственность *ж* 1. миёна (маъмулӣ, оддӣ) будан(и) 2. одами оддӣ (муқаррарӣ)

посре́дственн||ый, -ая, -ое (посре́дствен, -на, -но) миёна, миёнахел, маъмулӣ, оддӣ, қаноатбахш; **~ые зна́ния** дониши миёна

посре́дств||о *с:* **при ~е кого́-чего́-л., че́рез ~о кого́-чего́-л.** ба воситаи (ба тавассути) касе, чизе

посре́дством *предлог с род.* ба воситаи..., бо роҳи..., бо, ба тавассути...

посре́дствующ||ий, -ая, -ее миёна, мобайнӣ, воситашаванда, васлкунанда; **~ее звено́** ҳалқаи васлкунанда

поссо́рить *сов.* *кого-что* ба якдигар ҷанг андохтан, ҷанг кунондан, хусумат (ноиттифоқӣ, низоъ) ба вуҷуд овардан; **~ ста́рых друзе́й** байни дустони дерина хусумат андохтан

поссо́риться *сов.* ҷанг (низоъ) кардан, ҷангӣ шудан; **~ с това́рищем** бо рафиқи худ низоъ кардан

пост I *м* 1. ҷои навбатдорӣ, ҷои дидбонӣ; **сторожево́й ~** ҷои навбатдорӣ (дидбонӣ), қаравулхона; **стоя́ть на ~у́** дидбонӣ (навбатдорӣ) кардан 2. қаравули якка; навбатдорон, дидбонон, дастаи қаравулон; **донесе́ния передовы́х ~о́в** хабари (маълумоти) дастаи қаравулони пеш 3. вазифа, мақом; **~ дире́ктора** вазифаи директор; **занима́ть высо́кий ~** мақоми баланд доштан ◇ **быть (стоя́ть) на своём ~у́** дар сари [иҷрои] вазифа будан; **умере́ть на ~у́** ҳангоми иҷрои вазифа мурдан

пост II *м* *рел.* руза, савм; **вели́кий ~** рузаи калон; **соблюда́ть ~ы** руза доштан (гирифтан)

поста́в *м* 1. *прост.* *и воен.*, *спорт.* вазъият, тарз *(тарзи нигоҳдории ягон узви бадан)* 2. *(жернова)* кушасангӣ осиёб, ду санги осиё

поставе́ц *м* 1. *уст.* *(посудный шкаф)* ҷевон, ҷевони зарфмонӣ 2. *уст.* *(подсобный столик для кушаний)* чорпоя, хонтахта 3. *уст.* *(дорожный ящик для провизии)* нондони сафарӣ, қуттии сафарии хуроқнигоҳдорӣ 4. *обл.* *(кувшин для кваса)* кузаи квас, квасдон 5. *уст.* *и обл.* *(подставка для лучины)* чароғпоя, пояи чароғи сиёҳи фурузон

поста́вить I *сов.* 1. *кого-что* мондан, гузоштан; **~ стол в у́гол** мизро дар гуша мондан 2. *кого-что* гузоштан, ҷо ба ҷо кардан, мондан, ҷой додан; **~ маши́ну в гара́ж** мошинро дар гараж мондан 3. *что* ниҳодан, мондан, гузоштан; **~ компре́сс** тарбанд мондан 4. *что* мондан, шинондан, сохтан, гузоштан, гузарондан, насб кардан; **~ па́мятник** ҳайкал гузоштан; **~ телефо́н** телефон шинондан 5. *что* мондан, гузоштан; **~ запяту́ю** вергул гузоштан 6. *что* ба роҳ мондан, ташкил (таъсис, барқарор) кардан; **~ рабо́ту** корро ба роҳ мондан 7. *что* *театр* ҳозир (таҳия) кардан, ба саҳна гузоштан; **~ дра́му** драмаро ба саҳна гузоштан 8. *кого* таъин кардан, мондан; **~ но́вого сто́рожа** қаровули нав таъин кардан 9. *что* пешниҳод кардан, арз (таклиф) кардан; **~ вопро́с на голосова́ние** масъаларо ба овоз мондан 10. *что* додан, гузоштан; **~ глаго́л в повели́тельном наклоне́нии** ба феъл шакли сиғаи амрӣ додан 11. *что* *(на кон)* ба қимор мондан (гузоштан) ◇ **~ вверх нога́ми** чаппагардон кардан; чаппа мондан; **~ крест** 1) **на чём-л.** аз баҳри чизе баромадан, умед аз чизе кандан 2) **на ко́м-л.** аз касе дасту дилро шустан; **~ на коле́ни** *кого* гардан фуроварондан, таслим кунондан; **~ на́ кон** *что* таваккал кардан; **~ на [своё] ме́сто** касеро ба ҷояш шинонда мондан; **~ (подня́ть) на́ ноги** 1) сиҳат кардан 2) тарбия кардан, ба воя расондан 3) фаъол кардан, ба кор даровардан 4) ба хаяҷон овардан; **~ на попа́** рост (раппа-рост) мондан; **~ на широ́кую но́гу** нағз ташкил кардан, дуруст ба роҳ мондан

поста́вить II *сов.* таъмин кардан, мол супурдан, расондан, таҳвил додан

поста́в||ка *ж* таъмин кардан(и), молсупорӣ, таҳвил; **~ка това́ров в торго́вую сеть** ба муассисаҳои савдо расондани молҳо; **взаи́мные ~ки това́ров [ме́жду стра́нами]** ҳамдигарро бо мол таъмин кардан; **сро́ки ~ок** мӯҳлати таҳвил

поставля́ть *несов.* *см.* **поста́вить** II

поставля́ться *несов.* *страд.* мол супурда шудан

поста́вщик *м* таъминкунанда, оранда, таҳвилкунанда, молсупоранда; **~ сырья́** таъминкунандаи ашьёи хом; **заво́д-поставщи́к** заводи таъминкунанда; **страна́-поставщи́к** кишвари таҳвилдода

поста́ивать *несов.* *разг.* каме истода мондан, андаке таваққуф кардан

постаме́нт *м* 1. асос, поя, пояи ҳайкал; **грани́тный ~** пояи ҳайкал аз санги хоро 2. *архит.* тагсинҷ, синҷ, пояи сутун

постана́влнвать *несов.* *см.* **постанови́ть**

постанови́||ть *сов.* *с неопр.* қарор кардан (додан, баровардан), фармон баровардан, қарор қабул кардан; **собра́ние ~ло...** маҷлис қарор қабул кард...

постано́вк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **поста́вить** I 4, 6, 7, 9) мондан(и), гузориш, ба саҳна гузоштан(и), намоиш додан(и); **~а вопро́са** гузоштани масъала; **~а го́лоса** тарбияи овоз; **~а о́пыта (экспериме́нта)** гузарондани таҷриба; **совме́стная ~а спекта́кля** ҳамроҳ таҳия кардани намоишнома 2.

вазъият, тарз; ~а ног в та́нце вазъияти пойҳо ҳангоми ракс 3. тартиб, ташкил, таъсис, ба роҳ мондан(и); ~а **пропага́нды** ташкил кардани тарғибот 4. намоиш; **мы смотре́ли но́вую ~у** мо намоиши навро тамошо кардем

постановле́ни||е *с* қарор, фармон, қарордод; **исполне́ние ~й** иҷрои қарорҳо; **в соотве́тствии с ~ем** мувофиқи қарор; **~я Верхо́вного Сове́та СССР** Қарори Совети Олии СССР; **~е о́бщего собра́ния** қарори маҷлиси умумӣ; **вы́нести ~е** қарор баровардан (кардан); **издава́ть ~я** қарор баровардан; **принима́ть ~я** қарор қабул кардан

постановля́ть *несов. см.* **постанови́ть**

постановля́ться *несов. страд.* қарор дода (бароварда) шудан

постано́вочн||ый, -ая, -ое ...и саҳна, ...и ороиши саҳна, саҳнагӣ; тамошобоб, саҳнабоб; **~ая те́хника** техникаи саҳна

постано́вщик *м* басаҳнагузоранда

поста́нывa||ть *несов. разг.* гоҳ-гоҳ нолиш кардан (баровардан), нолидан; **он ти́хо ~л** у бо садои паст нолиш мекард

постара||ться *сов.* кӯшиш кардан, кӯшидан, саъй (ҷаҳд) кардан; **я ~юсь прийти́** ман кӯшиш мекунам, ки биёям

постаре́ние *с* (*по знач. гл.* **постаре́ть**) пир шудан(и)

постаре́||ть *сов.* пир (солхурда) шудан; **она́ заме́тно ~ла** у хеле пир шудааст

постате́йн||ый, -ая, -ое модда ба модда, аз рӯи модда; **~ое обсужде́ние законопрое́кта** муҳокимаи модда ба моддаи лоиҳаи қонун

постега́ть I *сов. кого-что* задан, камчинкорӣ (химчакорӣ) кардан, тозиёна задан; ~ **ло́шадь** аспро тозиёна задан

постегать II *сов. что* муддате лаганда кардан; ~ **одеяло** курпаро лаганда кардан

постёгивать *несов. кого-что разг.* гоҳ-гоҳ қамчинкорӣ (химчакорӣ) кардан, тозиёна задан

постели́ть *сов. разг. см.* **постла́ть**

постели́ться *сов. см.* **постла́ться**

посте́ль *ж* 1. (*спальные принадлежности*) бистар, рахти хоб, курпаву болин // (*место для спанья*) ҷогаҳ, тахти хоб; **постлать ~** ҷогаҳ андохтан 2. *тех.* бистара (*ҷузъи таҷҳизот*)

посте́льничий *м ист.* ҷойандоз, масъули ҷойандозӣ (*вазифаи дарборӣ дар Россияи то замони ҳукмронии Петри I*)

посте́льн||ый, -ая, -ое ...и рахти хоб, ...и бистар, бистарӣ; **~ые принадле́жности** рахти хоб, курпаву болин; **~ое бельё** ҷилди болишт ва ҷойпӯш

постепе́нно *нареч.* тадриҷан, бо тадриҷ, оҳиста-оҳиста, кам-кам; ~ **все разошли́сь** тадриҷан ҳама пароканда шуданд

постепе́нность *ж* тадриҷият, тадриҷӣ будан(и), оҳиста-оҳиста будан(и); ~ **разви́тия** тадриҷӣ будани инкишоф

постепе́нн||ый, -ая, -ое (постепен|ен, -на, -но) тадриҷӣ, оҳиста-оҳиста, кам-кам; **~ое охлажде́ние воды́** бо тадриҷ хунук шудани об

постере́чь *сов. кого-что и без доп.* муддате қаровулӣ кардан, чанде поидан, муҳофизат (назорат) кардан, бонӣ кардан; ~ **ста́до** подаро бонӣ кардан

постесня́||ться *сов. кого-чего или с неопр.* шарм (ҳаё) кардан, хиҷолат (изо) кашидан, истиҳола кардан; **он ~лся войти в дом** у аз даромадан ба хона истиҳола кард

постига́ть *несов. см.* **пости́гнуть**

постига́ться *несов. страд.* дониста (фаҳмида) шудан

пости́г||нуть *сов.* 1. *что* донистан, фаҳмидан, дарьёфтан, дарк кардан, сарфаҳм рафтан; **~нуть зако́ны приро́ды** қонунҳои табиатро донистан 2. *кого-что* ба вуҷуд омадан, рӯй (рух) додан, ба сари касе омадан; **его́ ~ло несча́стье** ба сари у мусибат омад

постиже́ние *с* (*по знач. гл.* **пости́гнуть** 1) донистан(и), фаҳмидан(и), дарьёфтан(и), сарфаҳм рафтан(и); ~ **смы́сла** сарфаҳм рафтани маъни

постила́ть *несов. см.* **постла́ть**

постила́ться *несов.* 1. *см.* **постла́ться;** 2. *страд.* андохта шудан

пости́лка *ж* 1. (*по знач. гл.* **постла́ть**) андохтан(и), паҳн (фарш) кардан(и), густурдан(и) 2. *разг.* фарш, намад, бурьё; патак

пости́лочн||ый, -ая, -ое ...и тагандозӣ, ...и фарш; **~ая соло́ма** пахоли тагандозӣ

постира́ть *сов. что* 1. ҷомашӯи кардан, шустан 2. *что и без доп.* муддате ҷомашӯи (қозурӣ) кардан

постира́ться *сов. прост.* либоси худро шустан

постиру́шка *ж разг.* ҷомашӯии андак (кутоҳмуддат)

пости́ться *сов. рел.* рӯза гирифтан; парҳез кардан

пости́чь *сов. см.* **пости́гнуть**

постла́ть *сов. что* 1. андохтан, паҳн (фарш) кардан, густурдан; ~ **ска́терть** дастархон андохтан 2. ҷой андохтан; ~ **посте́ль** ҷой андохтан

постла́ться *сов. прост.* ба худ ҷогаҳ андохтан

по́стник *м разг.* рӯзадор; парҳезгор

по́стничать *несов. разг.* рӯза гирифтан; парҳез кардан

по́стнический, -ая, -ое ...и рӯзадор; ...и парҳезгор; ...и рӯзадорӣ; парҳезӣ

по́стн||ый, -ая, -ое (по́ст|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* бегӯшту равған, явғон, бешир; **~ое ма́сло** равғани растанӣ (пок); **~ая еда́** хӯроки бегӯшту равған 2. *разг.* камравған, беравған, хароб, яшшик; **~ое мясо** гӯшти яшшик 3. *перен.* турш, ғамгин, зик, кайфпарида, маҳзун; **~ое лицо́** рӯи турш; **~ое настрое́ние** табъи хира 4. *перен.* мунофиқона, риёкорона ◊ **~ый день** рӯза, рӯзи рӯзадорӣ; **~ый са́хар** ҳалвои лавз; **ерунда́ (чепуха́)** на **~ом масле** дуруғи аҳмақона (маҳз), дуппа-дуруғ

постов||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и дидбони, ...и навбатдорӣ, ...и қаровул, ...и қаровулӣ; **~а́я слу́жба** хизмати (вазифаи) дидбонӣ (навбатдорӣ) 2. посбон, дидбон, навбатдор; **~о́й милиционе́р** милиционери дидбон // *в знач. сущ.* **постово́й** *м* посбон, дидбон, навбатдор, қаровул

посто́й *м* 1. манзил гирифтан(и), шабгузароий, шабхобравӣ; **останови́ться на ~** барои шабгузаронӣ истодан 2. *воен.* истиқомати ҳарбиҳо дар хонаҳои хусусӣ

посто́йный, -ая, -ое ...и шабгузаронӣ, истиқоматӣ; ...и дар хонаҳои хусусӣ истиқомат кардани ҳарбиён

посто́льку: ~ ... **поско́льку** *союз* ба қадре ки, ба андозае ки..., бинобар он ... ки..., ба дараҷае ки..., модоме ки..., азбаски; **я занима́юсь хозя́йством ~, поско́льку э́то необходи́мо** ман бинобар он бо кори хона машғул мешавам, ки накарданаш мумкин нест

посторожи́ть *сов. кого-что и без. доп.* чанде посбонӣ (нигаҳбонӣ) кардан, муддате бонӣ (қаровулӣ) кардан, поидан; ~ **ве́щи** чизҳоро нигаҳбонӣ кардан

посторони́ться *сов.* роҳ додан, ба канор баромадан, яксӯтар истодан, як тараф шудан, худро ақиб (канор) гирифтан

посторо́нн||ий, -яя, -ее 1. бегона, беруна, ғайр; **~ие лю́ди** одамони бегона; **обойти́сь без ~ей по́мощи** кореро бе ёрии одами бегона иҷро кардан // *в знач. сущ.* **посторо́нний** *м*, **посторо́нняя** *ж* одами бегона (беруна); **мне́ние ~его** фикри шахси бегона; 2. хориҷ (берун) аз мавзуъ, ғайримарбут, бемуносибат, беруна; **~ие разгово́ры** суҳбати берун аз мавзӯъ; **~ий шум** ғавғои (мағали) беруна

посто́ялец *м уст. разг.* иҷоранишин, кироянишин

посто́ялица *женск. к* **посто́ялец**

посто́ялый, -ая, -ое: ~ **двор** *уст.* меҳмонсарой, корвонсарой

посто́янно *нареч.* доимо, доимӣ, ҳамеша, мунтазам, пайваста, мудом; ~ **де́йствующий** доимӣ амалкунанда; **он ~ за́нят** вай доимо серкор (банд) аст

посто́янн||ый, -ая, -ое (постоян|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* доимӣ, ҳамешагӣ, пайваста, одатӣ, муқаррарӣ; **~ая забо́та** ташвишҳои муқаррарӣ; **~ый посети́тель** мизоҷ, мизоҷи доимӣ, одами қарорӣ 2. *тк. полн. ф.* доимӣ, муқим(ӣ); **~ый жи́тель** сокини доимӣ; **~ая рабо́та** кори доимӣ 3. собит, бособот, вафодор, устувор, пойдор; **он челове́к ~ый** у одами бособот аст ◊ **~ая а́рмия** армияи мунтазам; **~ая величина́** андозаи доимӣ (тағйирнопазир); **~ый капита́л** *эк.* сармояи (накдинаи) доимӣ (*қисми сармоя, ки ба воситаҳои истеҳсолот табдил ёфтааст ва арзишаш тағйир намеёбад*); **~ый ток** *эл.* чараёни доимӣ

постоянство *с* 1. собит (доимӣ, устуворӣ) будан(и), тағйирнопазирӣ 2. садоқат, вафодорӣ, устуворӣ, пойдорӣ; ~ **во взглядах** устувории ақида

посто||ять *сов.* 1. [муддате] истодан, мондан, будан; **мы ~яли с час** мо қариб як соат истодем; **полк ~ит здесь ещё с неделю** полк дар ин ҷо боз қариб як ҳафта меистад 2. *повел.* **постой(те)** *разг.* 1) сабр кун(ед), шитоб накун(ед), андак ист(ед); 2) *в знач. вводн. сл.* **постой(те)** ист(ед), исто; **постой, я вспомнила** исто, ба ёдам омад 3. *за кого-что* талош кардан, мудофиа (ҳимоя, муҳофиза) кардан, нигаҳбонӣ кардан; **~ять за свободу** озодиро ҳимоя кардан 4. *за чем с отриц. разг.* хасисӣ (талош) накардан, дареғ надоштан; **за ценой я не ~ю** ман барои нархаш талош намекунам

постпакет *м* бастаи (тои) мактубҳои фиристодашуда

постпозитивн||ый, -ая, -ое *грам.* постпозитивӣ; **~ая частица** ҳиссачаи постпозитивӣ

постпозиция *ж грам.* постпозиция, мавқеи баъд

постпред *м* (постоянный представитель) намояндаи (вакили) доимӣ

постпредство *с* (постоянное представительство) намояндагии (ваколатхонаи) доимӣ

пострадавш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* зарардида, азияткашида, ранҷбурда 2. *в знач. сущ.* **пострадавший** *м*, **пострадавшая** *ж* [одами] зарардида (ҷафодида, азияткашида); **спасать ~их от наводнения** зарардидагонро аз селоб наҷот додан

пострадать *сов.* азоб (зарар) дидан, алам (ҷафо) кашидан, ранҷ бурдан

постраничн||ый, -ая, -ое аз руи ҳар саҳифа, саҳифабайъ; **~ая оплата** музди саҳифабайъ

постранствова||ть *сов.* муддате саёҳат (сафар) кардан, дар мусофират будан; **он ~л немало** ӯ бисьёр саёҳат кардааст

постращать *сов. прост. см.* **попугать**

пострел *м разг.* шух, шарир, шайтон

пострелёнок *м ласк. к* **пострел** шайтонча, балоча

пострелива||ть *несов.* 1. гоҳ-гоҳ тир холӣ кардан (паррондан), гоҳ-гоҳ тир андохтан (задан) 2. *безл. разг.* гоҳ-гоҳ хала (сих) задан, сим-сим дард кардан; **в ухе ~ет** гушам гоҳ-гоҳ сих мезанад

пострелять *сов.* 1. муддате тир паррондан (задан), тир холӣ кардан (андохтан) 2. *кого-чего разг.* шикор (сайд) кардан; **они поехали ~ уток** онҳо ба шикори мурғобии ёбой рафтанд 3. *кого (всех, многих)* тир андохта куштан, парронда (бо тир зада) куштан

постриг *м церк.* мӯйтарошӣ, муйбурӣ (*маросими қабул ба роҳибӣ*)

постригать *несов. см.* **постричь**

постригаться *несов.* 1. *см.* **постричься**; 2. *страд.* бо қайчӣ кӯтоҳ карда шудаи, мӯйро кайчӣ занондан

пострижение *с* (*по знач.* **постричь** 2) роҳиб кардан(и)

постричь *сов.* 1. *что* бо қайчӣ кӯтоҳ кардан, қайчӣ задан, бо қайчӣ гирифтан; ~ **ногти** нохун гирифтан // *кого* мӯйсарро кутоҳ (тахт) кардан, муйсар гирифтан; ~ **ребёнка наголо** мӯйсари бачаро гирифтан 2. *кого церк.* роҳиб кардан, ба роҳибӣ қабул кардан

постричься *сов.* 1. муи сари худро қайчӣ занондан, муи сари худро кутоҳ кунондан, мӯйсар гирондан 2. *церк.* роҳиб шудан, ба роҳибӣ қабул шудан

построгать *сов. что и без доп.* муддате ранда кардан, тарошидан

построени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **построить** 2—5) асос гузоштан(и), буньёд ниҳодан(и); кашидан(и); **~е коммунистического общества** барпо кардани ҷамъияти коммунистӣ; **~е треугольников** сохтани секунҷа // сохт, созиш, тартиб; **~е фразы** сохти ҷумла 2. *книжн.* муҳокима, тафаккур, ақида, таълимот, назария; **область логических ~й** соҳаи муҳокимаҳои (назарияҳои) мантиқӣ 3. (*по знач. гл.* **построиться** 2) саф бастан(и), саф оростан(и); **~е боевого порядка** ба таври ҷангӣ саф оростан(и); **нарушить ~е** қаторро вайрон кардан

построечный, -ая, -ое ...и сохтмон, ...и бинокорӣ, ...и иморатсозӣ, ...и биносозӣ; ~ **участок** маҳалли бинокорӣ (сохтмон)

построить *сов.* 1. *что* сохтан, андохтан, бино кардан (сохтан); ~ **школу** мактаб сохтан 2. *что перен.* барпо кардан, асос гузоштан, буньёд ниҳодан; ~ **коммунизм** коммунизм барпо кардан 3. *что мат.* сохтан, тарх кашидан; ~ **треугольник** секунҷа сохтан 4. *кого-что* саф бастан (оростан), қатор кардан; ~ **в ряды** ба радҳо саф оростан 5. *что* сохтан, кардан, баён (изҳор) кардан; ~ **гипотезу** фарзия сохтан

построи||ться *сов.* 1. бино кардан (сохтан), иморат андохтан, хона сохтан 2. ба қатор истодан, саф бастан (оростан); **полк ~лся** полк саф орост

постройк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **построить** 1) сохтан(н), бинокорӣ, биносозӣ, сохтмон; **~а жилых зданий** сохтани хонаҳои маскунӣ; **~а дороги** сохтмони роҳ 2. ҷои (маҳалли) бинокорӣ, ҷои иморатсозӣ 3. иморат, бино, сохтмон; **деревянные ~и** биноҳои чубин

постромки *мн.* (*ед.* **постромка** *ж*) 1. (*у хомута*) тасмаи хамут 2. *обл.* тасмаи халтаи китфӣ, тасмаи борхалта

построчный, -ая, -ое сатр ба сатр, аз рӯи ҳар сатр, сатрбайъ; ~ **подсчёт** ҳисоби сатр ба сатр

постругать *сов. см.* **построгать**

постряпать *сов. что и без доп. разг.* муддате ошпазӣ кардан, муддате пухтан; машғули пухтупаз шудан

постскриптум *м книжн.* постскриптум, паснавис, илова ба ҳошия (PS)

постукать *сов. разг.* муддате тиқ-тиқ (тақ-тақ) кардан, куфтан

постукивание *с* (*по знач. гл.* **постукивать**) гоҳ-гоҳ тиқ-тиқ (тақ-тақ) кардан(и), оҳиста куфтан(и); (*звуки*) тиқ-тиқ, тақ-тақ; ~ **молотка** тақ-тақи болғача

постукивать *несов.* гоҳ-гоҳ тиқ-тиқ (тақ-тақ) кардан, оҳиста задан (кӯфтан)

постулат *м книжн.* постулат (*қоидае, ки ҳамчун ҳақиқат қабул мешавад*)

постулировать *сов., несов. что* ҳамчун постулат баён кардан

поступательн||ый, -ая, -ое ...и пешравӣ, мутараққӣ, рӯзафзун; **~ое развитие социалистического общества** тараққии рузафзуни ҷамъияти социалистӣ; **~ый рост экономики** пешрафти рӯзафзуни иқтисодиёт; **~ое движение** *физ.* ҳаракати мустақимулхат

поступать(ся) *несов. см.* **поступить(ся)**

поступи||ть *сов.* 1. рафтор (амал) кардан; **он ~л правильно** у дуруст рафтор кард // *с кем-чем* муомила (муносибат) кардан; **как ~ть с письмом?** мактубро чӣ бояд кард? 2. дохил (ворид) шудан, даромадан; **~ть на службу** ба кор дохил шудан; **~ть на фабрику** ба корхона даромадан 3. расидан, омада расидан, ворид шудан; **~ли сообщения о ходе сева** дар бораи рафти киштукор хабар омад; **книга ~ла в продажу** китоб ба фуруш баромад; **~ть в производство** ба истехсолот расидан // гузаштан, омадан; **~ть в чьё-л. распоряжение** ба ихтиёри касе, чизе гузаштан 4. (*о воздухе, воде и т. п.*) омадан, пайдо шудан, ҷорӣ шудан; **ток ~л в провода** ба сим қувваи электр ҷорӣ шуд

поступиться *сов. чем* даст кашидан, гузашт кардан, аз баҳри *чизе* гузаштан; ~ **своими интересами** аз баҳри манфиатҳои худ гузаштан

поступлени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **поступить** 2—4) дохил шудан(и), даромадан(и); омадан(и), расидан(и), омада расидан(и), ворид шудан(и); вуруд; **~е на работу** дохили кор шудан(и); **~е тока в провода** ҷорӣ шудани қувваи электр ба сим 2. *эк.* даромад, воридот, мадохил; **рост ~й в банк** зиёд шудани мадохили банк

поступ||ок *м* рафтор, кирдор, амал; **мужественный ~ок** рафтори ҷавонмардона; **отдавать отчёт в своих ~ках** аз руи ақл амал кардан

поступь *ж* равиш, қадаммонӣ, гашт; **твёрдая** ~ қадаммонии устуворона

постучать *сов.* муддате тиқ-тиқ (тақ-тақ) кардан, чанде кӯфтан; ~ **в дверь** дарро куфтан

постучаться *сов. разг.* тиқ-тиқ (тақ-тақ) кардан

постфактум *нареч. книжн.* постфактум, баъд аз вуқӯи ҳодиса (воқеа); **он узнал об этом** ~ у аз ин ҳодиса баъд аз вуқӯъ ҳабардор шуд

постыдить *сов. кого-что* 1. *разг.*

андаке шарм доромдан, изо додан, хиҷил кардан; ~ **шалуна́ бачаи** шӯхро изо додан 2. *чаще с отриц. уст.* шарманда (шармсор) кардан

постыди́ться *сов. кого-чего или с неопр.* шарм доштан (кардан), хиҷолат (изо) кашидан, шармсор (хиҷолатманд) шудан

посты́дн||ый, -ая, -ое (посты́д|ен, -на, -но) шармандагӣ, нангин, шармовар; **~ое малоду́шие** буздилии нангин

посты́лый, -ая, -ое (посты́л, -а, -о) *прост.* нафратангез, дилбазан, нохуш, манфур, кареҳ // *в знач. сущ.* **посты́лый** *м* марди манфур; **посты́лая** *ж* зани кареҳ

посу́да *ж* 1. *собир.* зарф, зуруф; **ку́хонная ~** косаву табақ, зарфҳои ошхона; **ча́йная ~** чойнику пиёла, зарфҳои чойнӯшӣ; **столо́вая ~** зуруфи хӯрокхӯрӣ 2. *разг. (сосуд)* зарф

посуда́чить *сов. разг.* муддате ғайбат кардан, лаққидан, манаҳ задан

посу́дин||а *ж* 1. *разг. (сосуд)* зарфиёт 2. *пренебр.* киштии (кемаи, завраки) кӯҳна

посуди́||ть *сов.* 1. *уст.* фикр (мулоҳиза) рондан 2. *повел.* **посуди́(те)** *чаще с мест. «сам»* мулоҳиза кун(ед), худат(он) тасаввур кун(ед), худат(он) гу(ед); **~те са́ми...** худатон мулоҳиза кунед...

посу́дн||ый, -ая, -ое ...и зарф, ...и зарфиёт, ...и зарффурушӣ; ...и зарфмонӣ; **~ый магази́н** дукони зарфиёт; **~ый шкаф** ҷевони зарфиёт; **~ое полоте́нце** зарфпоккунак, сачоки зарфпоккунӣ

посудомо́ечн||ый, -ая, -ое ...и зарфшӯӣ, ...и косаву табақшӯӣ; **~ая маши́на** мошини зарфшӯӣ

посудомо́йка *ж разг.* мошини зарфшӯӣ

посуети́ться *сов.* муддате ташвиш кашидан, муддате бекарор (саросема) шудан

посу́л *м* 1. *прост. (обещание)* ваъда, қавл, лафз 2. *уст. (взятка)* пора, ришва

посули́ть *сов. кого-что и с неопр. прост.* ваъда (лафз) кардан, қавл додан

посули́ться *сов. см.* **посули́ть**

посу́мерничать *сов.* муддате дар нимторикӣ нишастан

посуро́веть *сов.* ҷиддитар шудан; хунуктар (сахттар) шудан

посурьми́ть *сов. что* андак сурма кашидан (молидан)

посу́точно *нареч.* якшабонарузӣ, як шабу як руз; **дежу́рить ~** якшабонарузӣ навбатдорӣ кардан

посу́точн||ый, -ая, -ое якшабонарузӣ; **~ая сме́на карау́льных** дар ҳар шабонаруз иваз шудани қаровулҳо; **~ая опла́та** музди кори якшабонарузӣ

по́суху *нареч. разг.* бо роҳи хушк, аз хушкӣ, аз ҷои хушк; **охо́тники передвига́лись ~** шикорчиён бо роҳи хушк мерафтанд

посуши́ть *сов.* 1. *что, чего* хушк кардан, хушконидан; **~ сухаре́й** нон хушк кардан; **~ се́но** алафи даравидаро хушконидан 2. *что* муддате хушк кардан

посуши́ться *сов.* 1. *разг. (о всём, многом)* хушк (қоқ) шудан 2. муддате [либоси] худро хушк кардан

посчастли́виться *сов. кому и без доп. безл.* бахт мадад кардан, толеъ тофтан, иқбол баландӣ кардан

посчита́||ть *сов.* 1. *кого-что* шумурдан, ҳисоб кардан; **~ть де́ньги** пул шумурдан; 2. *чем, каким с неопр. или с придат. дополн.* гумон (ҳисоб) кардан; **он ~л необходи́мым уе́хать из го́рода** у ҳисоб кард, ки аз шаҳр баромада рафтан даркор 3. *кого-что прост. (оценить)* нарх мондан, баҳо гузоштан 4. *кого-что и без доп.* муддате шумурдан, муддате ҳисоб кардан

посчита́||ться *сов. с кем-чем* 1. *разг. (рассчитаться)* ҳисоби кардан, ҳисобу китоб кардан, ҳисоб баробар кардан 2. *(расквитаться)* интиқом (қасос) гирифтан 3. *чаще с отриц.* ба ҳисоб (ба назар) гирифтан; **я не ~юсь с тем, что...** ҳеҷ чиз монеъ намешавад, ки...; ҳеҷ чиз боздошта наметавонад, ки...

посыла́ть *несов. см.* **посла́ть**

посы́лка 1. *(по знач. гл.* **посла́ть** 1—3) фиристодан(и), равона (роҳӣ) кардан(и), ирсол доштан(и); **~ де́нег** фиристодани пул 2. посылка, амонат, марсула, таҳвил; **це́нная ~** посылкаи (амонати) арзишнок 3. *филос., лог.* далел, бурҳон, муқаддиматулбурҳон; қазия ◇ **быть на ~х** *уст.* 1) дар хизматҳои майда-чуйда будан 2) *у кого* дар пешхизматӣ (мутей) будан

посы́лочн||ый, -ая, -ое 1. *см.* **посы́льный** 1; 2. ...и посылка, ...и амонат, ...и марсула, ...и таҳвил; **~ая квита́нция** квитанцияи посылка

посы́льный, -ая, -ое 1. эъзомӣ; бо супориши фиристодашаванда; **~ ка́тер** завраки (катери) бо супориши фиристодашаванда 2. *в знач. сущ.* **посы́льный** *м,* **посы́льная** *ж* хатбар, номабар, қосид, чопор

посы́пать *сов.* 1. *что, чего* пошидан, чошидан, рехтан; **~ со́ли на хлеб** ба руи нон намак пошидан 2. *что чем* пушондан, задан, хобондан; **~ пол опи́лками** руи фаршро бо аррамайда пушондан 3. *(о снеге, дожде)* боридан, омадан; **посы́пал густо́й снег** барфи сахт борид 4. *что, чем (начать беспрерывно говорить)* бидир-бидир гап задан, бидиррос задан 5. *прост. (о многих)* тозон баромадан ◇ **~ го́лову пе́плом** хок бар сар кардан

посыпа́ть *несов. см.* **посы́пать** 1

посы́па||ться *сов.* 1. рехтан, пош хӯрдан; **и́скры ~лись** шарора пош хурд, шарораҳо париданд (рехтанд) 2. *перен.* боридан, рехтан; **~лись вопро́сы** саволборон шуд ◇ **и́скры из глаз ~лись** аз чашмон оташак парид

посыпа́ться *несов. страд.* пошида (чошида) шудан

посяга́тель *м книжн.* суиқасдкунанда, таҷовузкор

посяга́тельница *женск. к* **посяга́тель**

посяга́тельств||о *с книжн.* суиқасд, нияти бад, таадди, таарруз; **воздержа́ться от ~а на что́-л.** аз дастдарозӣ ба чизе худдорӣ кардан

посяга́ть *несов. см.* **посягну́ть**

посягну́ть *сов. на кого-что книжн.* қасди (нияти) бад кардан, таадди кардан, таарруз кардан; **~ на свобо́ду** ба озодӣ таарруз кардан; **~ на чью-л. жизнь** ба ҳаёти касе суиқасд (қасди бад) кардан

пот *м в разн. знач.* арақ; **облива́ться ~ом** арақшор шудан, ба обу арақ ғутидан; **на его́ лице́ вы́ступил холо́дный ~** дар рӯяш арақи хунук баромад ◇ **крова́вый ~** ниҳоят дараҷа беҳолшавӣ; **до крова́вого ~а** то тамом беҳолшавӣ; **цыга́нский ~** *уст.* ларза, вараҷа; **в ~е лица́ труди́ться** бо арақи ҷабин меҳнат кардан; **до седьмо́го ~а (рабо́тать, труди́ться)** то арақшор шудан (меҳнат кардан): **~ом и кро́вью добыва́ть** бо меҳнати сиёҳ ба даст овардан, хуни ҷигар шуда ёфтан; **вогна́ть в ~ кого́-л.** касеро арақ кунондан, равғани гардани касеро об кунондан; **семь ~о́в сошло́** *с кого* равған(ам) об шуд; **согна́ть семь ~о́в** *с кого́-л.* равғани касеро об кардан (кунондан), аз ҳаллоҷӣ гузарондан

по-таджи́кски *нареч.* тоҷикӣ, ба тоҷикӣ

потаённ||ый, -ая, -ое *разг. и уст.* пинҳонӣ, ниҳонӣ, махфӣ; **~ое месте́чко** ҷои махфӣ

потайно́й, -а́я, -о́е махфӣ, ниҳонӣ, пушида, пинҳонӣ; **~ я́щик** қуттии махфӣ; **~ ход** роҳи пинҳонӣ

потака́ние *с (по знач. гл.* **потака́ть)** тағофул (иғмоз) кардан(и), аз кори бад чашм пӯшидан(и)

потака́тель *м см.* **пота́тчик**

потака́ть *несов. кому в чём, чему* тағофул (иғмоз) кардан, аз кори бад чашм пӯшидан

пота́ль *ж* тиллои қалбаки

пота́льный, -ая, -ое ...и тиллои қалбакӣ, аз тиллои қалбакӣ

потанцева́ть *сов. что и без доп.* муддате раксидан, каме ракс (бозӣ, усул) кардан

пота́сканный, -ая, -ое 1. *разг.* нимдошт, кухна 2. афсурда, пажмурда; **~ вид** қиёфаи афсурда

потаска́||ть *сов. кого-что разг.* 1. *тж. без доп.* муддате кашондан, андаке кашидан 2. *(всё, многое)* бе пурсиш бурдан, дуздидан; **из са́да ~ли я́блоки** аз боғ себ дуздидаанд

потаска́ться *сов. разг.* муддате гаштан, андаке овора шуда гаштан

пота́скивать *несов. кого-что и без доп.* гоҳ-гоҳ дуздидан (дуздӣ кардан)

потаску́н *м прост. презр.* фосиқ, сабукпо

потаску́ха *ж прост. презр.* фоҳиша, фосика

потаску́шка *ж уменьш.-унич. к* **потаску́ха**

потасова́ть *сов. что и без доп.* муддате тагу ру (аралаш) кардан; ~ **ка́рты** картаро тагу ру кардан

потасо́вк||а *ж разг.* 1. чанчол, кашмакаш, хархаша, задухӯрд; **у́личная ~а** задухурди кучагӣ 2. занозанӣ; **зада́ть ~у** занозанӣ кардан

пота́тчик *м разг.* тағофулкунанда, иғмозкунанда, чашмпушанда

пота́тчица *женск. к* **пота́тчик**

пота́чк||а *ж разг.* тағофул, иғмоз, аз кори бад чашм пушидан(и); **он нико́му ~и не даст** ӯ аз кори бади ҳеҷ кас чашм намепӯшад

пота́ш *м* ишқор

пота́ши||ый, -ая, -ое ишқорӣ, ...и ишқор; **~ое производство** истеҳсоли ишқор

потащи́ть *сов. кого-что* кашола кардан; кашондан, кашидан; ~ **сру́бленное де́рево** дарахти буридашударо кашола кардан; ~ **кого́-л. за рука́в в сто́рону** аз остини касе ба тарафе кашидан

потащи́ться *сов. разг.* кашола шуда рафтан, ба зур рафтан, як-як қадам монда рафтан

потверде́ть *сов.* андак сахт шудан, сахттар шудан

по-тво́ему *нареч.* 1. *(так, как ты хочешь, поступаешь)* аз руи хоҳиши ту, чунон ки ту мехоҳӣ, аз руи майли (хости) ту; **дава́й напи́шем всё ~** биё, чунон ки ту мехоҳӣ, менависем 2. *в знач. вводн. сл. (тебе кажется, по твоему мнению)* ба фикри (ба назари, ба хаёли) ту, ба ақидаи ту; **~, я не права́?** ба фикри ту хақ ба ҷониби ман нест?

потво́рство *с* тағофул, иғмоз, чашмпӯшӣ

потво́рствовать *несов.* тағофул, иғмоз кардан, чашм пӯшидан; ~ **капри́зам дете́й** ба нозунузи бачаҳо тағофул кардан

потво́рщик *м* тағофулкунанда, иғмозкунанда, чашмпушанда

потво́рщица *женск. к* **потво́рщик**

потёк *м* доғ, из; **на потолке́ есть ~** шифти хона доғ дорад

потёмк||и *тк. мн.* зулмот, торикӣ; **сиде́ть в ~ах** дар торикӣ нишастан ◇ **блужда́ть в ~ах** чоқам барака кардан

потемне́ние *с (по знач. гл.* **потемне́ть)** тира (хира) шудан(и), сиёҳчатоб (бӯр) шудан(и); ~ **серебра́** сиёҳ шудани нукра

потемне́||ть *сов.* 1. тира (хира) шудан, сиёҳчатоб (бур) шудан; **до́ски ~ли от сы́рости** тахта аз рутубат сиёҳтоб шуд 2. *безл.* торик шудан; **ра́но ~ло** барвақт торик шуд ◇ **у меня́ в глаза́х ~ло** пеши чашмонам сиёҳӣ зад

поте́ние *с (по знач. гл.* **поте́ть)** арақ кардан(и), арақ баровардан(и)

потенциа́л *м* 1. *физ.* потенциал *(андозаест, ки иқтидори майдонро дар нуқтаи додашуда тавсиф медиҳад)*; **разность ~ов** фарқи потенциалҳо 2. *перен.* иқтидор; **хозяйственный ~** иқтидори хоҷагӣ; **оборо́нный ~ страны́** иқтидори ҳарбии мамлакат; **экономи́ческий ~ госуда́рства** иқтидори иқтисодии давлат

потенциа́льн||ый, -ая, -ое (потенциа|лен, -льна, -льно) *книжн.* потенциалӣ, ...и потенция; ...и иктидор; **~ая эне́ргия** энергияи потенциалӣ // тахминӣ, эхтимолӣ, гумоншаванда, имконпазир; **~ые возмо́жности** тамоилҳои имконпазир; **~ый проти́вник** душмани эҳтимолӣ

потенцио́метр *м* потенциометр (1. *асбоби чен кардани қувваи бо электр ҳаракаткунанда ё шиддати электр* 2. *танзимкунаки шиддати электр)*

поте́нция *ж книжн.* потенция, қудрат, неру, тавоноӣ

потепле́ние *с (по знач. гл.* **потепле́ть)** гарм (нарм) шудан(и); **наступи́ло ~** ҳаво нарм шуд

потепле́||ть *сов.* гарм (гармтар, нарм) шудан; **к ве́черу ~ло** *безл.* бегоҳирузӣ ҳаво андак гарм шуд

потереби́ть *сов. кого-что* муддате кашидан (кандан)

потере́ть *сов. кого-что* як қадар молидан, андаке соидан; молиш додан, молишу хориш кардан; ~ **ушибленное ме́сто** ҷои латхӯрдаро як қадар молидан; ~ **ру́ки** дастҳоро соидан

потере́ться *сов.* 1. муддате худро молидан, андаке молиш хӯрдан 2. *перен. разг.* гаштан, будан 3. *(износиться)* як қадар кӯҳна шудан, андаке фарсуда (фит) шудан; **пальто́ потёрлось** пальто як қадар кӯҳна шуд

потёрна *ж воен.* гузаргоҳи пинҳонӣ *(дар иншооти қалъа)*

потерпе́вш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* зарардида, садамадида, шикастхурда 2. *прил. юр.* зарардида, ҷабрдида; **~ая сторона́** тарафи зарардида // *в знач. сущ.* **потерпе́вший** *м*, **потерпе́вшая** *ж* каси зарардида

потерп||е́ть *сов.* 1. *что и без доп.* муддате сабр кардан, андаке тоқат кардан (овардан), бардошт (таҳаммул) кардан; **~и́те ещё немно́го** боз қадре сабр кунед 2. *что* аз сар гузарондан, дучор гардидан, гирифтор шудан; **~е́ть неуда́чу** ноком шудан, шикаст хурдан; **~е́ть пораже́ние** дучори мағлубият шудан; **~е́ть убы́тки** зарар дидан (кашидан) // *без доп. уст. разг.* ба таъқиб (ба ҷабру зулм) дучор шудан, азият кашидан; **~е́ть за пра́вду** дар роҳи ҳақиқат дучори таъқиб шудан 3. *с отриц. кого-что* тоқат (тоб) наовардан, тоқат (созиш) накардан, таҳаммул накардан; **мы не потерпи́м ло́дырей** мо бо танбалон созиш намекунем

потёртость *ж* 1. фарсуда (кӯҳна) будан(и); ~ **ме́ха** фарсуда будани муина 2. ҷои фарсуда (фитшуда), ҷои хурдашуда (судашуда)

потёртый, -ая, -ое 1. *прич.* молишхурда, судашуда 2. *прил.* фарсуда, фитшуда, фарсудашуда, кӯҳна, нимдошт; ~ **рука́в** остини фарсудашуда 3. *прил. перен. разг. (о лице, виде)* монда, пажмурда, хаста

поте́р||я *ж* 1. талаф (бой) додан(и), гум кардан(и), аз даст додан(и); **~я бли́зких** талаф додани хешовандон; **~я вре́мени** аз даст додани вақт; **~я кро́ви** равондани хун; **~я зре́ния** кур (нобино) шудан(и); **~я го́лоса** аз овоз маҳрум шудан(и) 2. *(вещь)* чизи гумшуда; **найти́ ~ю** чизи гумшударо ёфтан // *чаще мн.* **поте́ри** талаф, зарар; **убра́ть урожа́й без ~ь** ҳосилро бе талаф ғундоштан; **нести́ больши́е ~и** талафоти бузург додан ◇ **до ~и созна́ния** аз ҳад фузун (зиёд); **напи́ться до ~и созна́ния** мурданивор [нушида] маст шудан; **уста́ть до ~и созна́ния** аз ҳад фузун хаста шудан

потёрянность *ж* 1. *(расстройство)* парешонҳолӣ, маъюсӣ, рӯҳафтодагӣ 2. *(растерянность)* саросемагӣ, сарգарангӣ, парешонӣ

потёрянный, -ая, -ое 1. *прич.* гумшуда; талафшуда, нобудшуда 2. *прил.* ғамгин, парешонҳол, афтодарӯҳ, ошуфтаҳол, маъюс 3. *прил.* хиҷолатманд, шармсор, хиҷил 4. *прил. разг* нокас, ислоҳнопазир; **он ~ челове́к** вай одами ислоҳнопазир аст

потеря́ть *сов.* 1. *что* гум кардан, аз даст додан; ~ **ключи́** калидҳоро гум кардан; ~ **кошелёк** капчуқро гум кардан; ~ **доро́гу** роҳ гум кардан 2. *кого-что перен.* гум кардан, талаф додан, аз *чизе* ҷудо (маҳрум) шудан, аз даст додан; ~ **слух** кар шудан; ~ **наде́жду** ноумед шудан; ~ **рассу́док** ақл гум кардан, аз ақл бегона шудан 3. *в чём* кам шудан; ~ **в ве́се** хароб шудан, аз гушт фаромадан 4. *что* зарар дидан, зиён кашидан, аз даст додан; ~ **пе́рвенство** ҷои якумро аз даст додан ◇ ~ **себя́** 1) *(подчиниться влиянию)* инону ихтиёр гум кардан 2) *(перестать владеть собой)* ихтиёр аз даст додан; *см. тж.* **теря́ть**

потеря́||ться *сов.* 1. гум (ғоиб, талаф) шудан, аз даст рафтан; **кни́га ~лась** китоб гум шуд 2. *перен.* аз назар ғоиб (пинҳон) шудан; **~ться в толпе́** дар байни мардум гум шудан 3. саргаранг шудан, дасту по хурдан, худро гум кардан; **он ~лся на экза́мене** вай дар имтиҳон худро гум кард

потесни́ть *сов. кого-что* 1. танг кардан, фишор додан 2. ақиб (қафо) нишондан, фишор додан; ~ **врага́** душманро фишор додан

потесни́ться *сов. (подвинуться)* зич шудан, зичтар (ҷафстар) нишастан // *(пожить в тесноте)* тиққа шудан, дар ҷои танг зистан

поте́ть *несов.* 1. арақ кардан (баровардан) // *над чем и без доп. перен. разг.* 2. арақи ҷабин рехтан, ҷон коҳондан, майна об кардан; ~ **над зада́чей** дар болои ҳалли масъала ҷон коҳондан 3. арақ кардан, тар шудан

потёх||а *ж* 1. хушҳолӣ, дилхушӣ, саргармӣ; **де́лу вре́мя, ~е час** *посл.* аввал таом, в-он гаҳ калом, аввал кор,

баъд гуфтор // (*происшествие*) воқеаи ғалатӣ (аҷиб, хандаовар) 2. *в знач. сказ. прост.* аҷиб аст, аҷаб, ғалатӣ ◇ **пошла́ ~а!** ана дилхушӣ!

потёчь *сов.* 1. ҷорӣ (равон) шудан, шоридан; **потекли́ ручьи́** оби ҷуйҳо ҷорӣ шуд 2. *перен.* (*о времени*) гузаштан, равона шудан; **потекли́ неде́ли** ҳафтаҳо гузаштанд 3. сурох (шикоф) шудан; **ведро́ потекло́** сатил сурох шуд

потеша́ть(ся) *несов. см.* **потёшить(ся)**

потёшить *сов. кого-что* хушҳол (шод, саргарм, хушнуд) кардан, ба шавқ овардан, хандондан

потёшиться *сов.* 1. *уст.* хушҳол (шод, хушнуд) шудан, ба шавқ омадан, шухӣ (ҳазл) кардан 2. *над кем-чем разг.* масхара (тамасхур) кардан, ришханд (писханд) задан, хандидан

потёшник *м уст.* шуткарӣ, ҳазлбоз

преосвященный *м церк.* ҳазрат, зоти ақдас (пок) *(сарруҳонии насрониён ва унвони вай)*

преосвященство *с чаще с мест. «ваше», «его», «их» церк.* зоти ақдас (пок), ҳазрат

препарат *м* 1. препарат *(қисмҳои аъзои ҳайвонот ё наботот, ки барои таҳқиқи илмӣ тайёр мекунанд)* 2. *хим.* препарат, таркиб *(моддаи химиявӣ, ки барои тадқиқоти илмӣ тайёр карда мешавад)*; **радиоактивный** ~ препарати радиоактивӣ 3. *хим., фарм.* дору, даво, дармон; **медицинский** ~ дору

препаратор *м* ташреҳкунанда, чоккунанда

препараторский, -ая, -ое 1. ташреҳкунанда 2. *в знач. сущ.* **препараторская** *ж* ташреҳхона

препарирование *с* (*по знач. гл.* **препарировать**) ташреҳ (чок) кардан(и)

препарировать *сов., несов.* 1. *кого-что* ташреҳ (чок) кардан; ~ **лягушку** қурбаққаро ташреҳ кардан 2. *что перен. книжн.* тайёр кардан; ~ **текст для издания** матнро ба нашр (ба чоп) тайёр кардан

препарироваться *несов. страд.* ташреҳ (чок) карда шудан

препарировка *ж см.* **препарирование**

препинани||е *с:* **знаки** ~**я** аломатҳои ист (китобат)

препирание *с уст. см.* **препирательство**

препирательство *с* мунокиша, хархаша, моҷаро, қул ё қул; **вступать в** ~ мунокиша кардан

препираться *несов.* мунокиша (хархаша, моҷаро, қул ё қул) кардан

преподавание *с* (*по знач. гл.* **преподавать**) омӯзиш, таълим додан(и), тадрис

преподаватель *м* муаллим, омӯзгор, мударрис, устод

преподавательница *ж* муаллима

преподавательск||ий, -ая, -ое ...и муаллим, ...и омӯзгор; ~**ая работа** муаллимӣ

преподавать *несов. что и без доп.* 1. омӯхтан, дарс (таълим) додан; ~ **литературу** аз адабиёт дарс додан 2. муаллимӣ кардан, дарс додан; ~ **в средней школе** дар мактаби миёна муаллимӣ кардан 3. *см.* **преподать**

препода||ваться *несов.* 1. омӯхта шудан, таълим дода шудан; **родной язык** ~**ётся во всех школах республики** забони модарӣ дар ҳамаи мактабҳои республика таълим дода мешавад 2. *страд.* дарс дода шудан

преподать *сов. что книжн.* додан, хондан, талкин кардан; ~ **благоразумный совет** маслиҳати оқилона додан

преподнесение *с* (*по знач. гл.* **преподнести**) тақдим (ҳадья, пешкаш) кардан(и), армуғон овардан(и); расондан(и); баён кардан(и)

преподнести *сов. что* 1. тақдим (ҳадья, пешкаш) кардан, тухфа (бахшиш) овардан, армуғон (савғо) овардан; ~ **подарок** тухфа пешкаш кардан 2. *перен. разг.* расондан, овардан; ~ **неприятную новость** хабари шум (нохуш) расондан (овардан) 3. *перен.* қаламдод (маънидод) кардан, баён кардан; ~ **факты в искажённом виде** далелҳоро вайрон маънидод кардан; **живо** ~ **материал** мазмунро [ба таври] шавқовар баён кардан ◊ ~ **пилюлю кому-л.** кори ногувор кардан, ба касе сухани аламовар гуфтан, касеро ранҷондан

преподносить *несов см.* **преподнести**

преподношение *с* (*по знач. гл.* **преподнести́** 1) 1. тақдим (пешкаш) кардан(и), тӯҳфа овардан(и) 2. ҳадья, инъом, пешкаш, тухфа

преподо́бие *с чаще с мест.* «*ваше*», «*его*», «*их*» *церк.* зоти ақдас (пок), ҳазрат

преподо́бный, -ая, -ое *церк.* зоти ақдас (пок), ҳазрат

препожа́ловать *сов.* *уст.* *теперь шутл.*, *ирон.* ташриф овардан (фармудан), қадам ранҷа кардан

препозити́вн||ый, -ая, -ое *грам.* препозитивӣ; **~ая части́ца** ҳиссачаи препозитивӣ

препози́ция *ж грам.* препозиция, мавқеи пеш

препо́на *ж уст. книжн.* монеа, банд, душворӣ, сад(д)

препоруча́ть *несов. см.* **препоручи́ть**

препоруча́ться *несов. страд.* супурда шудан

препоруче́ние *с* (*по знач. гл.* **препоручи́ть**) супориш, ҳавола кардан(и), фармоиш

препоручи́ть *сов. что кому уст.* супурдан, супориш додан, ҳавола кардан, фармудан

препоя́сать *сов. кого-что уст. книжн.* миён (камар) бастан ◇ **~ свои́ чре́сла** омодаи саёҳат шудан

препоя́саться *сов. уст. книжн.* миён (камар) бастан ◇ **~ на бра́нь (на по́двиг)** ба корнома омода шудан; ба ҷанг (ба мубориза) тайёр шудан

препоя́сывать(ся) *несов. см.* **препоя́сать(ся)**

препроводи́тельн||ый, -ая, -ое ирсолӣ, замима, иловашаванда; **~ая запи́ска** номаи замима, мактуби ирсолӣ

препроводи́ть *сов. кого-что* 1. фиристодан, роҳӣ (равона) кардан, расондан, ирсол доштан; **~ докуме́нты по назначе́нию** ҳуҷҷатҳоро ба ҷои даркорӣ фиристодан 2. гуселондан, ҳамроҳ бурдан, гузарондан; **~ го́стя в дом** меҳмонро ба хона бурдан

препровожда́ть *несов. см.* **препроводи́ть**

препровожда́ться *несов. страд.* фиристода шудан

препровожде́ние *с* (*по знач. гл.* **препроводи́ть**) фиристодан(и), роҳӣ (равона) кардан(и), расондан(и); гузарондан(и); **~ бума́г по назначе́нию** ба ҷояш (ба соҳибонаш) фиристодани (расондани) коғазҳо ◇ **~ вре́мени** гузарондани вақт

препя́тстви||е *с* 1. монеа, мамониат, сад(д), банд; **преодолева́ть ~я на пути́** монеаҳои пеши роҳро бартараф кардан; **взять ~е** аз монеа гузаштан; **бег с ~ями** давидан (тохтан) аз болои монеаҳо; **ска́чки с ~ями** 1) *спорт.* аз роҳи сермонеа асп давондан 2) *перен. разг.* бо машаққати бисьёр гузаштан, 2. *перен.* халал, монеа, ғав; **чини́ть ~я кому́-л.** садди роҳи касе шудан, пеши роҳи касе ғав партофтан

препя́тствовать *несов. кому-чему* мамониат кардан, монеъ шудаи, халал расондан; **~ чьи́м-л. наме́рениям** ба нияти касе монеъ шудан

прерафаэли́ты *мн.* (*ед.* **прерафаэли́т** *м*) прерафаэлитҳо (*зумраи рассомони англиси миёнаи асри 19, ки ба санъати замонҳои аввали Танаддуд то Рафаэль пайравӣ мекарданд*)

прерва́ть *сов.* 1. *что* қатъ (бас, тамом) кардан, буридан, тарк кардан; **~ заня́тия** машғулиятро қатъ кардан; **~ знако́мство** ошноиро тарк кардан 2. *кого-что и без доп.* сухани касеро буридан; **~ ора́тора** сухани нотиқро буридан

прерва́||ться *сов.* қатъ (тамом, бурида, канда) шудан; **разгово́р ~лся** суҳбат канда шуд; **перепи́ска ~ла́сь** мукотиба қатъ шуд

пререка́ния *мн.* (*ед.* **пререка́ние** *с*) мунокиша, хархаша; **вступи́ть в ~ с ке́м-л.** бо касе мунокиша кардан

пререка́ться *несов.* мунокиша (хархаша, арбада, қул ё кул) кардан

пре́рии *мн.* (*ед.* **пре́рия** *ж*) *геогр.* прерияҳо (*дашти васеъ дар Америкаи Шимолӣ*)

прерогати́в||а *ж книжн.* ҳуқуқи махсус (мустасно), имтиёз (*барои ягон ташкилоти давлатӣ ё шахси мансабдор*); **~ы вла́сти** ҳуқуқи мустасноии ҳокимият

прерыва́ние *с* (*по знач. гл.* **прерва́ть**) қатъ (тамом) кардан(и), буридан(и); (*по знач. гл.* **прерва́ться**) қатъ (тамом, бурида) шудан(и)

прерыва́тель *м* қатъкунаки ҷараён (*ҷиҳози қатъкунанда ва аз нав барқароркунандаи ҷараёни электр ва ғ.*)

прерыва́ть *несов. см.* **прерва́ть**

прерыва́ться *несов.* 1. *см.* **прерва́ться**; 2. *страд.* қатъ карда шудан

прерыва́ющийся, -аяся, -ееся канда-канда; **~ го́лос** овози канда-канда

преры́висто *нареч.* канда-канда, номуназзам, номуттасил; **~ дыша́ть** номуттасил нафас кашидан

преры́вистость *ж* канда-канда будан(и), номуназзамӣ, номуттасилӣ; **~ дыха́ния** нафаскашии номуттасил (канда-канда); **~ ли́нии** номуттасилии хат

преры́вист||ый, -ая, -ое (преры́вист, -а, -о) бурида-бурида, канда-канда; номуназзам, номураттаб, номуттасил; **~ая ли́ния** хатти номуттасил

преры́вность *ж* фосиладорӣ, номураттабӣ, номуназзамӣ, номуттасилӣ

преры́вный, -ая, -ое (преры́в|ен, -на, -но) *см.* **преры́вистый**; **~ хара́ктер произво́дства** номуттасилии кори истеҳсолот

пресбиопи́я *ж мед.* пресбиопия, камнур шудани чашм, аз қувват мондани чашм, иллати рафтани нури чашм (*дар пиронсолӣ*)

пресви́тер *м церк.* кашиш, пресвитер (*кашиши интихобшаванда дар калисои протестантӣ*)

пресвитериа́не *мн.* пресвитерианҳо (*пайравони мазҳаби протестантии асри 16 дар Англия ва Шотландия*)

пресвитериа́нск||ий, -ая, -ое ...и пресвитерианӣ; **~ая це́рковь** калисои пресвитерианӣ

пресвитериа́нство *с* мазҳаби пресвитерианӣ, пресвитерианӣ

пресека́ть *несов. см.* **пресе́чь**

пресека́ться *несов.* 1. *см.* **пресе́чься**; 2. *страд.* қатъ (пешгирӣ) карда шудан, бурида шудан

пресече́ни||е *с* (*по знач. гл.* **пресе́чь**) қатъ (решакан) кардан(и), буридан(и), пешгирӣ кардан(и), барҳам задан(и); **~е агре́ссии** пешгирӣ кардани таҷовуз; **ме́ра ~я** *юр.* чораи эҳтиётӣ

пресе́чь *сов. что* 1. қатъ (решакан) кардан, буридан, пешгирӣ кардан, хотима додан; **~ беспоря́дки** бетартибҳоро барҳам додан; **~ в ко́рне** аз бехубунаш кандан, решакан кардан; **~ чьи́-л. размышле́ния** риштаи фикру хаёли касеро кандан 2. *уст.* садди роҳ шудан; **~ доро́гу кому́-л.** пеши роҳи касеро бастан

пресе́||чься *сов.* канда (бурида, гирифта, қатъ) шудан; **го́лос его́ ~кся (пресёкся)** овозаш гирифт

пресле́довани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **пресле́довать**) таъқиб, таъқиб кардан(и), дунболагирӣ; поида гаштан(и); **~е врага́** таъқиби душман; **ма́ния ~я** васвасаи (савдои) таъқиб 2. *юр.* тафтиш кардан(и); **возбуди́ть про́тив кого́-л. суде́бное ~е** ҷинояти касеро тафтиш кардан; ба суд додан

пресле́дователь *м* таъқибкунанда, дунболагир

пресле́довательница *женск. к* **пресле́дователь**

пресле́довать *несов.* 1. *кого-что* таъқиб кардан, дунболагирӣ кардан; **~ проти́вника** душманро таъқиб кардан 2. *кого* поида гаштан, дум-думи касе гаштан 3. *кого-что перен.* (*донимать*) ором нагузоштан, безор кардан, азоб (азият) додан, ба ҷон расондан; **~ насме́шками** мазоҳу масхара карда ба ҷон расондан // (*о мысли, чувстве и т. п.*) азоб додан, ором нагузоштан, безобита (мушавваш) кардан; **его́ пресле́довала мысль о предстоя́щей разлу́ке** андешаи фироқи оянда ӯро азоб медод 4. *кого-что* (*притеснять*) таъқиб кардан, фишор додан 5. *кого-что юр.* ба суд додан, ба мурофиа кашидан; **~ по суду́** ба мурофиа кашидан 6. *что* (*добиваться*) кушиш (саъй) кардан, аз паи *чизе* афтидан; **~ свои́ интере́сы** аз паи манфиати худ шудан; **~ коры́стные це́ли** ғараз (тамаъ) доштан

пресле́доваться *несов. страд.* таъқиб карда шудан

преслову́тый, -ая, -ое 1. *уст.* машҳур, маъруф 2. *ирон.* ба ном машҳур

пресмыка́тельство *с* (*по знач. гл.* **пресмыка́ться** 3) хушомадгӯӣ, чоплусӣ, тамаллук

пресмыка́ться *несов.* 1. *уст.* хазидан 2. *перен. уст.* дар фақру бечорагӣ умр ба сар бурдан 3. *перед кем и без доп. перен.* хушомадгуӣ (фурумоягӣ, чоплусӣ, тамаллуқ) кардан

пресмыка́ющийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* хазанда 2. *в знач. сущ.* пресмы-

ка́ющиеся *мн. зоол.* хазандагон, ҳайвоноти хазанда

пресново́дн||ый, -ая -ое 1. ...и оби ширин (бенамак), ...и обаш ширин; **~ое о́зеро** кули обаш ширин (бенамак) 2. дар оби ширин зиндагикунанда, ...и оби ширин (бенамак); **~ые ры́бы** моҳиёни оби ширин

пре́сность *ж* 1. бенамакӣ 2. *перен.* бенамакӣ, бемазагӣ

пре́сн||ый, -ая, -ое (пре́с|ен, -на, -но) 1. бенамак; **~ая вода́** оби ширин; **~ое о́зеро** кули обаш бенамак // *(о пище)* бенамак, фаҷ, бемаза; **~ое ку́шанье** хуроки бенамак (фаҷ) // *(о тесте, мучных изделиях)* бехамирмоя, бехамиртуруш; **~ая лепёшка** фатир 2. *перен.* бенамак, бемаза, фаҷ; **~ый анекдо́т** латифаи бемаза

пресс *м* 1. пресс, мангана, исканҷа; **ручно́й ~** исканҷаи дастӣ; **гидравли́ческий ~** пресси гидравликӣ; **положи́ть под ~** ба зери пресс гузоштан 2. *разг.* *(пресс-папье)* сиёҳихушккунак 3. *перен. уст.* зулм, таъкиб, фишор ◇ **брюшно́й ~** *анат.* мушакҳои шикам

пре́сса *ж* матбуот; **нау́чная ~** матбуоти илмӣ // *собир.* мухбирон, кормандони матбуот, аҳли матбуот

пресс-атташе́ *м нескл.* пресс-атташе *(корманди сафоратхона, ки бо масъалаҳои матбуот сару кор дорад)*

пресс-бюро́ *с нескл.* пресс-бюро (1. *ҳайати таҳририяи анҷуман, конференция, маҷлисҳои машваратӣ ва ғ.* 2. *бюрои доимии матбуот)*

пресс-конфере́нция *ж* конференцияи матбуотӣ

прессова́льный, -ая, -ое ...и пресс, ...и мангана, ...и исканҷа; **~ цех** цехи пресс

прессова́ние *с (по знач. гл.* **прессова́ть)** прессонидан(и), фушурдан(и), исканҷа кардан(и)

прессо́ванный, -ая, -ое прессондашуда, фушурдашуда; **~ хло́пок** пахтаи той басташуда; **~ карто́н** картони ғафси барахт

прессова́ть *несов. что* прессондан, фушурдан, ба исканҷа андохтан, мангана (исканҷа) кардан; **~ древеси́ну** чубу тахтаро прессондан

прессова́ться *несов. страд.* прессонда (фушурда) шудан, ба исканҷа андохта шудан

прессо́вка *ж см.* **прессова́ние**

прессо́вочный, -ая, -ое *см.* **прессова́льный**

прессовщи́к *м* пресскор, исканҷакор, манганакунанда

прессовщи́ца *женск. к* **прессовщи́к**

пре́ссов||ый, -ая, -ое ...и пресс, ...и исканҷа, ...и пресскорӣ, ...и мангана; **~ое обору́дование** таҷҳизоти пресскорӣ

пресс-папье́ *с нескл.* сиёҳихушккунак, пресс-папье

пресс-фо́рма *ж* прессколиб, колиби исканҷа (мангана)

пресс-це́нтр *м* маркази матбуот

прессшпа́н *м уст.* коғази ғафси ҷилодорн барахт

преста́виться *сов. уст.* фавтидан, чашм аз ҷаҳон пӯшидан, ба дорулбақо реҳлат кардан

преставле́ние *с уст.* фавт, вафот ◇ **све́та ~** *см.* **светопреставле́ние**

престаре́лость *ж* куҳансоли, фартутӣ

престаре́л||ый, -ая, -ое куҳансол, фартут; **~ые роди́тели** падару модари куҳансол; **по́мощь ~ым** *в знач. сущ.* ёрӣ ба куҳансолон

престидижита́тор *м уст.* найрангбоз

пре́сти́ж *м* обру, эътибор, нуфуз; **подня́ть че́й-л. ~** эътибори касеро бардоштан; **роня́ть свой ~** обрӯи худро резондан

прести́жность *ж* бонуфуз (боэътибор) будан(и)

прести́жн||ый, -ая, -ое бонуфуз, боэътибор; **~ые профе́ссии** касбҳои боэътибор

пре́сто *муз.* 1. *нареч.* босуръат, бошиддат 2. *с нескл.* престо *(асари мусиқие, ки босуръат навохта мешавад)*

престо́л *м* 1. тахт, сарир, авранг; **возвести́ на ~** ба тахт шинондан; **взойти́ (вступи́ть) на ~** ҷулус кардан; ба тахт нишастан; **све́ргнуть с ~а** аз тахт фуровардан (афтондан) 2. *церк.* меҳроб, минбар 3. *уст. прост. см.* **престо́льный (престо́льный пра́здник)**

престолонасле́дие *с* варосати тахт, валиаҳдӣ

престолонасле́дник *м* валиаҳд, ворисн тахт, валиаҳди салтанат

престо́льный, -ая, -ое 1. ...и тахт, ...и сарир, ...и авранг 2. *церк.* ...и меҳроб, ...и минбар ◇ **~ го́род** *уст.* пойтахт; **~ пра́здник** *церк.* ҷашни пири калисо *(ҷашн ба хотири таъсис ёфтани калисо ё авлиёю анбиё, ки калисо ба номи онҳост)*

преступа́ть *несов. см.* **преступи́ть**

преступа́ться *несов. страд.* вайрои карза шудан

преступи́ть *сов. что уст.* 1. гузаштан, аз ҳад (аз андоза) гузаштан, берун баромадан 2. *перен.* вайрон кардан, риоя (эътино) накардан; **~ зако́н** қонунро вайрон кардан

преступле́ни||е *с* 1. ҷиноят; **госуда́рственное ~е** ҷинояти давлатӣ; **соверши́ть ~е** ҷиноят [содир] кардан; **соста́в ~я** *юр.* навъи ҷиноят; **пойма́ть на ме́сте ~я** дар болои ҷиноят дастгир кардан 2. айб, гуноҳ; **э́то ~е** ҳайф аст, гуноҳ аст; **с таки́м го́лосом не учи́ться петь — э́то ~е** чунин овоз дошта сурудхониро ёд нагирифтан ҳайф аст

престу́пник *м* ҷинояткор, гунаҳкор

престу́пница *женск. к.* **престу́пник**

престу́пно *нареч.* гунаҳкорона, нораво, ночоиз, афвнопазир; **~ об э́том молча́ть** дар ин бора гап назадан айб аст

престу́пность *ж* 1. ҷинояткорона (ҷиноӣ) будан(и); **~ де́йствий** ҷинояткорона будани амалу кирдор // носазо (афвнопазир) будан(и) 2. ҷинояткорӣ; **борьба́ с ~ю** мубаризаи (чораҳои) зидди ҷинояткорӣ

престу́пн||ый, -ая, -ое (престу́п|ен, -на, -но) 1. ҷиноятӣ, ҷинояткорона, ҷиноӣ; **~ые де́йствия** кирдору амали ҷинояткорона // носазо, ношоям, нораво, афвнопазир; **~ая сла́бость** беҷуръатии афвнопазир; **~ая небре́жность** бепарвоии афвнопазир 2. ҷинояткор(она), ҷурмкунанда; **~ый мир** ҷинояткорон, тоифаи ҷинояткорҳо; **~ая жизнь** ҳаёти ҷинояткорона

пресы́тить *сов. кого-что* 1. *уст.* бағоят (бениҳоят) сер кардан, аз ҳад зиёд хурондан 2. *перен.* безор (дилгир, дилбазан) кардан, ба дил задан

пресы́титься *сов. чем* 1. *уст.* аз ҳад зиёд сер шудан 2. *перен.* сер шудан, безор (дилгир, дилбазан) шудан, ба дил задан; **~ удово́льствиями** аз ҳузуру ҳаловат сер шудан

пресыща́ть(ся) *несов. см.* **пресы́тить(ся)**

пресыще́ние *с (по знач. гл.* **пресы́титься)** аз ҳад зиёд сер шудан(и), безор (дилбазан) шудан(и); **чу́вствовать (испы́тывать) ~** бағоят сер шудан

пресы́щенность *ж* серӣ, бағоят безор (дилгир) будан(и)

пресы́щенный, -ая, -ое 1. *прич.* бағоят сершуда 2. *прил.* аз ҳад зиёд сер, сахт дилгиршуда

претворе́ние *с (по знач. гл.* **претвори́ть)** мубаддал кардан(и); ба амал гузарондан(и), амалӣ кардан(и), ба ҳаёт татбиқ кардан(и); *(по знач. гл.* **претвори́ться)** мубаддал шудан(и); ба ҳаёт татбиқ шудан(и), амалӣ шудан(и); **~ в жизнь чего́-л.** ба ҳаёт татбиқ кардани чизе

претвори́ть *сов. что во что книжн.* 1. мубаддал кардан, гардондан, табдил додан 2. *в сочет. со словами «в дело», «в жизнь»* ба амал гузарондан, амалӣ кардан, ба ҳаёт татбиқ кардан, рӯи об баровардан; **~ свои́ пла́ны в жизнь** нақшаҳои худро рӯи об баровардан

претвори́ться *сов. во что книжн.* 1. мубаддал шудан, табдил ёфтан, гардидан 2. *в сочет. со словами «в дело», «в жизнь»* ба амал баромадан, ба ҳаёт татбиқ шудан, иҷро (амалӣ) шудан, руи об баромадан

претворя́ть *несов. см.* **претвори́ть**

претворя́ться *несов.* 1. *см.* **претвори́ться;** 2. *страд.* ба амал гузаронда шудан

претенде́нт *м* довталаб, муддаӣ, даъвогар, хоҳишманд, талабгор; хариф; **~ на зва́ние чемпио́на** довталаби номи чемпион; **~ на чью́-л. ру́ку** *уст.* талабгори духтаре (зане)

претенде́нтка *женск. к* **претенде́нт**

претендова́ть *несов.* 1. *на кого-что* иддао (даъво, талаб) кардан, даъвогар (хоҳишманд, талабгор) шудан 2. *на что* иддао (даъво) кардан, тарошидан; **~ на остроу́мие** иддаои зарофатгӯӣ кардан, худро зарофатгуй тарошидан 3. *на кого уст.* аз касе ранҷидан, аз касе озурдахотир шудан

прете́нзи||я *ж* 1. иддао, даъво, талаб; **предъяви́ть ~ю** даъво (иддао) кардан, талаб кардан // *(жалоба)* ши-

коят, арз, эътироз; **изложить ～и в письменном виде** шикояти худро хаттӣ баён кардан // *юр.* даъво, эътироз 2. даъво, иддао; **～я на учёность** иддаои олимӣ; **человек с большими ～ями** одами сериддао (сертакаллуф) ◇ **быть в ～и на кого-л.** аз касе ранҷидан, аз касе озурдахотир шудан

претенциозно *нареч.* пуриддао, мағрурона, ҳавобаландона, калонгирона, сертакаллуф; **～ вести себя** калонгирӣ кардан

претенциозность *ж* пуриддао будан(и), мағрурӣ, ҳавобаландӣ, калонгирӣ, сертакаллуфӣ

претенциози||ый, -ая, -ое (претенциоз|ен, -на, -но) пуриддао, мағрур, ҳавобаланд, калонгир, сертакаллуф(она); **～ый стиль** услуби серкарруфар; **～ое поведение** шинухези сертакаллуфона

претерпевать *несов. см.* **претерпеть**

претерпеть *сов. что* 1. тоқат (тоб) овардан, таҳаммул кардан; мубтало (гирифтор) шудан, дучор шудан; **～ лишения** ба азобу уқубат тоб овардан 2. тағьир ёфтан, дигаргун шудан; **～ существенные изменения** дучори тағьироти ба назар намоён шудан

прети||ть *несов.* 1. *уст.* мамнуъ (манъ) кардан 2. *кому-чему* нафрат (кароҳат) овардан, дил беҷо (беҳузур) кардан, бад дидан; **лесть ～т мне** ман хушомадгуиро бад мебинам, аз хушомад нафратам меояд

преткновени||е *с:* **камень ～я** монеа, мамониат

претор *м* претор *(дар ибтидо унвони консулҳо ва ҳокимони мутлақи Рими Қадим, баъдтар мансабдоре, ки ҳокимияти олии маҳкама дар ихтиёри у буд)*

преторианский, -ая, -ое ...и преторианӣ

преторианцы *мн.* *(ед.* **преторианец** *м)* преторианиён (1. *дар Рими Қадим: аввалҳо посбони шахсии сарлашкареро мегуфтанд, баъд қушуни императориро номиданд, ки дар табаддулоти дарбор мавқеи калон мебозид* 2. *қушунҳои кироии бедодгар)*

преть *несов.* 1. пусидан, тосидан, гандидан, фосид шудан; мағор бастан 2. *разг.* *(о коже)* варам кардан (овардан), илтиҳоб кардан, чирк (фасод) кардан 3. *прост.* *(потеть)* арақ кардан 4. *(о пище)* дар буғ пухтан, дам хӯрда пухтан

преувеличени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **преувеличить)** муболиға (муҳобот) кардан(и), аз будаш зиёд нишон додан(и); **～е опасности** муболиға кардани хатар 2. муболиға, муҳобот, иғроқ, ғулу; **в пересказе событий он допустил большие ～я** у дар нақли ҳодисаҳо бисьёр муболиға кард; **говоря без ～й...** бемуболиға гуем...

преувеличенно *нареч.* муболиғаомез, пурмуҳобот, иғроқомез

преувеличенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* муболиғашуда 2. *прил.* пурмуболиғв, пурмуҳобот, пуриғроқ, аз ҳад зиёд; **～ая похвала** таърифу ситоиши аз ҳад зиёд, тавсифи пурмуболиға

преувеличивать *несов. см.* **преувеличить**

преувеличиваться *несов. страд.* муболиға (муҳобот) карда шудан

преувеличить *сов. что и без доп.* муболиға (муҳобот) кардан, аз будаш зиёд нишон додан; болобардор кардан; **～ чьй-л. заслуги** хизматҳои касеро муболиға кардан; **～ опасность** хавфу хатарро аз будаш зиёд нишон додан; **он любит немножко ～** у андак муҳобот карданро дӯст медорад

преуменьшать *несов. см.* **преуменьшить**

преуменьшаться *несов. страд.* ночиз (хурд) нишон дода шудан

преуменьшение *с (по знач. гл.* **преуменьшить)** ночиз (хурд) нишон додан(и), камаҳамият (камарзиш) шумурдан(и)

преуменьшить *сов. что* ночиз (хурд) нишон додан, камаҳамият (камарзиш) шумурдан, аз будаш кам нишон додан; **～ трудности** душвориҳоро аз будаш кам нишон додан

преуспевание *с (по знач. гл.* **преуспевать)** комронӣ, комгорӣ, хушзистӣ

преуспевать *несов.* 1. *см.* **преуспеть**; 2. комрон (комгор) будан, хуш (серу пур) зистан, серию пурӣ зиндагӣ кардан, боравнақ будан

преуспеть *сов. в чём* муваффақ (комьёб) шудан, муваффақият ба даст овардан, (комрон) комгор шудан

преуспеяние *с книжн.* муваффақият, комьёбӣ, комгорӣ

префект *м* префект (1. *дар Рими Қадим — номи як қатор мансабҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ, инчунин шахсоне, ки соҳиби ин мансабҳо буданд* 2. *сардори департамент дар Франция* 3. *сардори полицияи баъзе мамлакатҳои буржуазӣ)*

префектура *ж* префектура (1. *идораи тақсимоти маъмурӣ дар империяи Рим* 2. *ташкилоти идоракунандаи маъмурӣ ва минтақавӣ дар баъзе мамлакатҳои буржуазӣ* 3. *бинои идораи префект)*

преферанс *м* преферанс *(як навъ бозии қарта)*

преференции *мн.* *(ед.* **преференция** *ж) эк.* преференцияҳо *(имтиёзҳо, сабукиҳое, ки аз рӯи шартномаҳои байни мамлакатҳо бастешуда, барои ривоҷ додани савдои байни тарафайн дода мешаванд)*

префикс *м грам.* префикс

префиксальн||ый, -ая, -ое *грам.* ...и префикс; **～ые глаголы** феълҳои префиксдор

префиксация *ж грам.* префиксация

преходящ||ий, -ая, -ее (преходящ, -а, -е) гузаранда, зудгузар, фонӣ, бебақо; **～ее явление** воқеаи гузаранда

прецедент *м* 1. *книжн.* назир, собиқа, тимсол 2. *юр.* амсол; **судебный ～** амсоли судӣ

прецессия *ж астр., физ.* прецессия

прецизионн||ый, -ая, -ое *тех.* комилан дақиқ; **～ые станки** дастгоҳҳои комилан дақиқ

преципитат *м* 1. *хим.* таҳнишин, таҳшин, дурда 2. нурии сунъии фосфорӣ

преципитация *ж хим., физ.* таҳнишиншавӣ

преципитины *мн. мед.* преципитинҳо *(моддаҳои махсуси сафедаи хуни ғализ)*

пречистый, -ая,-ое 1. *разг.* бағоят тоза, бисьёр покиза 2. *церк. и фольк.* олиҳаи покӣ

при *предлог с предл.* 1. *(около)* дар назди..., дар пеши..., дар наздикии..., дар ҳузури..., дар пешгоҳи..., дар сари...; дар дами..., пеши..., назди...; **～ входе** дар пеши даромадгоҳ; **стоять ～ входе** дар пеши даромадгоҳ истодан; **～ дороге** дар сари роҳ; **～ доме есть сад** дар пеши хона боғ ҳаст, ҳавлӣ боғ дорад; **он живёт ～ станции** у дар наздикии станция зиндагӣ мекунад; **ясли ～ заводе** яслии назди завод, яслии завод 2. *(в присутствии)* дар ҳузури..., дар пеши..., дар назди..., дар пеши назари (чашми) ...; **это случилось ～ мне** ин ҳодиса дар пеши назари ман руй дод; **～ посторонних** дар ҳузури одамони бегона 3. *(указывает на время и обстоятельства)* дар замони..., дар вақти..., дар аҳди..., дар айёми..., дар давраи..., дар давронии..., ҳангоми...; **～ жизни** дар вақти зинда будан, ҳангоми дар ҳаёт будан; **～ встрече** ҳангоми мулоқот; **～ отъезде** дар вақти рафтан, ҳангоми хайрухуш; **～ его появлении все замолчали** дар вақти омадани у ҳама хомуш шуданд; **～ электрическом свете** дар рушноии электр 4. *в сочет. с мест.* ҳамроҳи..., бо; **документы ～ мне** ҳуҷҷатҳо ҳамроҳи худам; **держать деньги ～ себе** ҳамроҳи худ (дар кисаи худ) пул доштан 5. *(указывает на наличие чего-л.)* бо, бо вуҷуди..., агар, агар чи...; **～ желании** агар майл дошта бошад; **быть ～ оружии** яроқ доштан; **～ всех его достоинствах он нравится немногим** бо вуҷуди сифатҳои хубаш, ӯ ба баъзеҳо маъқул нест; **～ всём моём уважении к вам...** бо вуҷуди шуморо ҳурмат карданам..., агарчи эҳтироми ман ба шумо зиёд аст... 6. *(посредством, благодаря)* бо, бо мадади..., бо кумаки..., бо ёрии..., ба воситаи..., ба туфайли..., ба тавассути..., ба василаи...; **～ помощи друзей** бо ёрии (ба туфайли) дустон ◇ **～ условии...** ба шарте ки..., дар сурати...; **～ этом** дар ин ҳол, дар ин сурат, дар айни ҳол, бо вуҷуди ин; **быть ни ～ чём** муносибате (дахле) надоштан; **быть при смерти** дар дами марг будан

при- *приставка* 1. *префикси феълсоз, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *анҷоми амал* — **прибежать** давида омадан; **приехать** омадан, омада расидан; **привезти** [гирифта] овардан 2) *ба натиҷаи муайян расидан* — **приготовить** тайёр (ҳозир) кардан; **приучить** одат кунондан 3) *наздик кардан* — **приставить** ҷафс кардан (мондан); **при-**

тронуться даст задан 4) *бастан, васл кардан, дӯхтан, пайвастан* — **привязать** бастан, баста мондан; **пришить** духтан, дӯхта часпондан 5) *сахттар зер ва зич кардан* — **прижать** сахттар пахш кардан 6) *илова ва изофа* — **прикупить** боз (барилова) харидан 7) *амали нопурра* — **приглушить** андак хомӯш кардан; **приоткрыть** қадре кушодан 2. *префикси исм ва сифатсоз, ки дар пеши ё назди чизе буданро ифода мекунад* — **прибрежный** ...и канор, ...и соҳил; **приусадебный** ...и назди (...и пеши) ҳавлӣ

приарендовать *сов. что* боз (барилова) иҷора гирифтан

прибавить *сов.* 1. *что, чего* илова (изофа, ҳамроҳ, зам) кардан; ~ **пять рублей** панҷ сӯм илова кардан; ~ **соли в суп** ба шӯрбо боз намак андохтан 2. *что, чего* зиёд(тар) кардан, афзудан, тезтар (афзунтар) кардан; ~ **скорость** суръатро афзудан; ~ **зарплату** музди корро афзунтар кардан; ~ **шагу** тезтар қадам мондан // *что и без доп. портн.* васеътар (дарозтар) кардан; ~ **в плечах** китфи либосро васеътар кардан 3. *что и без доп.* барилова (барзиёд) гуфтан (навиштан) 4. *что и без доп. перен. разг.* дуруғ гуфтан, муболиға (муҳобот) кардан; ~ **от себя** бофта гуфтан 5. *что* ҷамъ (зам, изофа) кардан; ~ **три к пяти** серо ба панҷ ҷамъ кардан ◇ ~ **в весе** *разг.* фарбеҳ шудан, гӯшт гирифтан

прибави||ться *сов.* 1. зиёд шудан, афзудан, илова шудан; **к старым заботам ~лись новые** ба ташвишҳои пештара заҳматҳои нав илова шуд 2. *чаще безл.* зиёд (зиёдтар, бисьёртар, дарозтар) шудан; **народу ~лось** одам зиёд (зиёдтар) шуд; **день ~лся** рӯз дароз шуд ◇ **~ться в весе** *разг.* фарбеҳ шудан, гӯшт гирифтан

прибавка *ж* 1. (*по знач. гл.* **прибавить** 1, 2—4) илова (изофа, ҳамроҳ) кардан(и); зиёд кардан(и), тезтар кардан(и); (*по знач. гл.* **прибавиться** 2) зиёдтар шудан(и), дарозтар шудан(и) 2. илова, изофа, афзоиш, зам, замима; ~ **к зарплате** иловаи музди кор

прибавление *с* 1. (*по знач. гл.* **прибавить**) илова (изофа) кардан(и); зиёд кардан(и), афзудан(и); ҷамъ кардан(и); (*по знач. гл.* **прибавиться**) зиёд шудан(и), дароз шудан(и); ~ **воды в реке** дамидани оби дарьё; ~ **зарплаты** иловаи музди кор; ~ **в весе** афзоиши вазн, фарбеҳӣ 2. *см.* **прибавка** 2 ◇ ~ **семейства** зиёд шудани аҳли оила

прибавлять *несов. см.* **прибавить**

прибавляться *несов.* 1. *см.* **прибавиться**; 2. *страд.* илова карда шудан; афзуда шудан

прибавочн||ый, -ая, -ое ...и илова, ...и изофа, барилова, изофӣ, барзиёд; **~ая плата** музди барилова; **~ая стоимость** *эк.* арзиши изофа

прибаутка *ж* базла, зарофат

прибаюкивать *несов.* ҷунбонда алла гуфтан, гап зада (суруде хонда) хобондан

прибегать I *несов. см.* **прибежать**

прибегать II *несов. см.* **прибегнуть**

прибегнуть *сов. к кому-чему* истифода бурдан (кардан), чора ҷустан, ба кор бурдан, муроҷиат (илтиҷо) кардан; ~ **к чьей-л. помощи** аз ёрии касе истифода кардан; ~ **к решительным мерам** чораҳои қатъӣ ба кор бурдан; ~ **к силе** қувват кор фармудан, зӯриро ба кор андохтан

прибедниться *сов. см.* **прибедняться**

прибедняться *несов.* (*прикидываться бедным*) худро камбағал (бечора, фақир, оҷиз, нодор) нишон додан (вонамуд кардан) // (*преуменьшать свои возможности и т. п.*) худро фурӯтан вонамуд кардан, худро ба муши мурда задан

прибежать *сов.* давида расидан (омадан), тохта (давон, дартоз, тозон) омадан; ~ **первым** якум тохта омадан

прибежище *с* паноҳгоҳ, паноҳ, сарпаноҳ; **найти себе** ~ ба худ паноҳгоҳ ёфтан

приберегать *несов. см.* **приберечь**

приберегаться *несов. страд.* нигоҳ дошта шудан

прибережный, -ая, -ое *см.* **прибрежный**

прибережье *с см.* **прибрежье**

приберечь *сов. что, чего* нигоҳ доштан, эҳтиёт кардан, захира (ҳифз, пасандоз) кардан

прибивание *с см.* **прибивка**

прибивать *несов. см.* **прибить** I, 3

прибиваться *несов.* 1. *см.* **прибиться**; 2. *страд.* мехкуб карда шудан

прибивка *ж* (*по знач. гл.* **прибить** 1) мех кӯфта (зада) часпондан(и), мехкӯб кардан(и)

прибивной, -ая, -ое мех задашаванда

прибирать *несов. см.* **прибрать**

прибираться *несов.* 1. *см.* **прибраться**; 2. *страд.* ба тартиб андохта шудан

приби||ть *сов.* 1. *что* мех куфта (зада) часпондан, мех кардан, [бо] мех задан, мехкуб кардан; **~ть дощечку к двери** тахтачаро ба дар мехкӯб кардан 2. *что* [зада] хобондан, [зада] пахш кардан, фуру нишондан; **дождь ~л пыль** борон чангу хокро фурӯ нишонд; **град ~л пшеницу** жола [хушаҳои] гандумро зада хобонд 3. *что к чему* задан, овардан, наздик овардан; **волна ~ла лодку к берегу** мавҷ завракро лаппасзанон ба канор наздик овард 4. *кого прост.* (*поколотить*) задан, куфтан, зарбу лат кардан

приби||ться *сов.* 1. бо мех часпонда (зада) шудан, мехкӯб (парчин) шудан; **доска хорошо ~лась** тахта нағз зада шуд 2. *к чему* хобонда шудан, хоб кардан, фурӯ нишастан; **пыль ~лась к земле** чангу хок ба замин фуру нишаст 3. *к чему* зич (чафс) шудан, наздик омадан; **бревно ~лось к берегу** ғулачӯб ба соҳил чафс шуд 4. *к кому-чему перен. прост.* ҳамроҳ (як) шудан; **чужой баран ~лся к стаду** гусфанди бегона ба рама ҳамроҳ шуд // (*пристроиться*) ҷойгир шудан, ҷой гирифтан, ҷо ба ҷо шудан

приближа||ть *несов.* 1. *см.* **приблизить**; 2. *кого-что и без доп.* калон (наздик) карда нишон додан; **бинокль ~ет предметы** дурбин чизҳоро наздик карда нишон медиҳад

приближа||ться *несов. см.* **приблизиться** 1, 2, 4; **это ~ется к действительности** ин ба ҳақиқат наздик аст

приближение *с* 1. (*по знач. гл.* **приблизить**) наздик кардан(и), наздик овардан(и); (*по знач. гл.* **приблизиться**) наздик шудан(и), наздик омадан(и); ~ **весны** наздик шудани баҳор 2. *мат.* наздикшавӣ

приближённо *нареч.* тақрибан, тахминан, қариб

приближённость I *ж мат.* тахминӣ (тақрибӣ) будан(и); ~ **вычислений** тахминӣ будани ҳисоб

приближённость II *ж* муқарраби, наздикӣ, қаробат

приближённ||ый I, -ая, -ое *мат.* тахминӣ, тақрибӣ; **~ое решение уравнений** ҳалли тақрибии муодилаҳо

приближённ||ый II, -ая, -ое муқарраб, наздик // *в знач. сущ.* **приближённый** *м,* **приближённая** *ж* муқарраб; **~ые царя** муқаррабони шоҳ, аҳли рикоби шоҳ

приблизительно *нареч.* тақрибан, тахминан, қариб; **пройти ~ пять километров** тақрибан панҷ километр роҳ гаштан

приблизительность *ж* тақрибӣ (тахминӣ) будан(и)

приблизительный, -ая, -ое (приблизите|лен, -льна, -льно) тақрибӣ, тахминӣ, хомакӣ; ~ **подсчёт** ҳисоби тахминӣ, ҳисобу китоби хомакӣ

приблизить *сов. кого-что* наздик кардан, наздик (пеш) овардан; ~ **книгу к глазам** китобро ба чашм наздик кардан; ~ **срок сдачи экзамена** мӯҳлати имтиҳонро наздик кардан

приблизи||ться *сов.* 1. наздик расидан (шудан), наздик (пеш) омадан, қариб расидан (омадан); **лодка ~лась к берегу** заврақ ба соҳил наздик шуд 2. наздик омадан (шудан), фаро расидан; **~лся день отъезда** рӯзи рафтан наздик шуд 3. дуст (ёру ҷура, ёру бародар) шудан, ошнои қарин шудан 4. (*стать похожим на что-л.*) наздик шудан, шабоҳат (монандӣ) пайдо кардан, шабеҳ шудан; **~ться к лучшим образцам** ба намунаи олӣ наздик шудан

приблудн||ый I, -ая, -ое *прост.* дайду, сакалту; **~ая собака** саги дайду

приблудный II, -ая, -ое *уст. прост.* ҳаромӣ, ҳаромзода

прибо||й *м* 1. амвоҷ, талотум, мавҷҳои ба соҳил бархуранда; **морской ~й** талотуми баҳр; **шум ~я** садои мавҷҳо 2. (*берег*) соҳили баҳр

преболеть *сов. разг.* андак касал (бемор, мариз) шудан, қадре нотоб шудан

приболоти||ый, -ая, -ое ...и назди ботлоқ, наздиботлоқӣ; **~ые растения** растаниҳои наздиботлоқӣ

прибо́р *м* 1. асбоб; **нагрева́тельный ~** асбоби гармоиш (гармкунанда); **измери́тельные ~ы** асбобҳои ченкунанда 2. асбоб, афзол, лавозимот, дастгоҳ; **пи́сьменный ~** лавозимоти хатнависӣ; **бри́твенный ~** асбоби риштарошӣ

прибо́рка *ж (по знач. гл.* **прибра́ть** 1, *и* **прибра́ться**) ба тартиб овардан(и), рӯбучин

прибо́рн||ый, -ая -ое ...и асбоб, ...и лавозимот, ...и таҷҳизот; **~ая доска́ в каби́не самолёта** лавҳаи асбобҳои кабинаи самолёт

приборострое́ние *с* асбобсозӣ; **электро́нное ~** асбобсозии электронӣ

приборострои́тельный, -ая, -ое ...и асбобсозӣ; **~ заво́д** заводи асбобсозӣ

прибра́ть *сов. что* 1. *тж. без доп. разг.* ҷо ба ҷо кардан, ба тартиб андохтан (овардан), рубучин кардан, тоза кардан; **~ в ко́мнате** хонаро ба тартиб овардан 2. *(спрятать)* ғундоштан, пинҳон кардан, ба ҷо кардан 3. *разг.* ба дасти худ гирифтан, соҳибӣ кардан, аз они худ кардан ◇ **бог прибра́л** *кого прост.* худо гирифт, худо зад; **~ во́жжи к рука́м** зимом ба даст гирифтан; **~ к рука́м** 1) *(подчинить себе)* ба дасти худ гирифтан 2) *(захватить)* ба тасарруфи худ даровардан

прибра́ться *сов. разг.* хонаи худро ҷо ба ҷо кардан, хонаи худро ба тартиб овардан (андохтан), рубучин кардан; **~ в до́ме** хонаи худро ҷо ба ҷо кардан // *прост. (принарядиться)* худро оростан, ороиш (зебу зинат, орою торо) додан

прибреда́ть *несов. см.* **прибрести́**

прибре́жн||ый, -ая, -ое канорӣ, соҳилӣ, ...и канор, ...и соҳил; **~ая доро́га** роҳи қад-қади соҳил, роҳи канори дарьё

прибре́жье *с* замини назди (қад-қади) соҳил, замини канори дарьё

прибрести́ *сов.* бо машаққат омадан, бо душворӣ расида омадан, бо азоб (ба зур) омада расидан

прибукси́ровать *сов. что* шатак карда овардан, кашолакунон овардан, ба нақлиёти дигар баста овардан

прибыва́ние *с (по знач. гл.* **прибы́ть** 2) зиёд (барзиёд) шудан(и), дамидан(и), баланд шудан(и); **~ воды́ в реке́** дамидани оби дарьё

прибыва́ть *несов. см.* **прибы́ть**

при́быль *ж* 1. даромад, фоида, суд, нафъ, манфиат; **чи́стая ~** фоидаи холис; **приноси́ть ~** фоида додан, фоида овардан 2. *эк.* фоида 3. *перен.* нафъ, суд, манфиат; **кака́я от э́того ~?** ин чӣ манфиат дорад? 4. афзоиш, вусъат; **пойти́ на ~** зиёд шудан, афзоиш (вусъат) ёфтан; **день пошёл на ~** руз дарозтар шуд

при́быльно *нареч.* фоидабахш, фоидаовар, серфоида, судманд, муфид

при́быльность *ж* фоиданокӣ, манфиатнокӣ, судмандӣ

при́быльн||ый, -ая, -ое (при́был|лен, -льна,-льно) фоиданок, баманфиат, муфид, фоидаовар, сернафъ, судбахш; **~ое предприя́тие** муассисаи фоиданок

прибы́ти||е *с (по знач. гл.* **прибы́ть**) омадан(и), омада расидан(и), вуруд, вусул, ворид (дохил) шудан(и), расидан(и); **~е по́езда** омадани поезд; **сообщи́ть день ~я** рузи омаданро хабар додан

прибы́ток *м уст. см.* **при́быль**

прибы́точный, -ая, -ое (прибы́точ|ен, -на, -но) *уст. см.* **при́быльный**

прибы́ть *сов.* 1. омадан, восил шудан, расидан, омада расидан, ворид (дохил) шудан; **по́езд при́был в шесть часо́в** поезд соати шаш омад; **~ в чьё-л. распоряже́ние** ба ихтиёри касе ҳозир шудан; омадан; **прибыла́ но́вая па́ртия това́ров** як миқдор моли нав омад 2. зиёд (барзиёд) шудан, афзудан, афзоиш ёфтан, баланд шудан; **вода́ в реке́ прибыла́** оби дарьё баланд шуд (дамид) ◇ **на́шего (в на́шем) полку́ при́было** одамони мо зиёд шуданд, сафи мо афзуд

прива́да *ж охот., рыб.* дона, донаи дом, мулӯх

прива́дить *сов. кого-что* 1. *охот., рыб.* одат кунондан, ху гирондан 2. *прост.* ҷалб (моил) кардан, ба худ моил кунондан, ху (одат) кунондан; **~ к себе́ ребя́т** бачаҳоро ба худ одат кунондан

прива́живать *несов. см.* **прива́дить**

прива́л *м* 1. дамгирӣ, таваққуф; **получасово́й ~** дамгирии нимсоата; **сде́лать ~ у реки́** дар лаби дарьё дам гирифтан // *(место)* манзил, мавзеи таваққуф (ист), ҷои дамгирӣ (таваққуф) 2. *(по знач. гл.* **привали́ть** 2) омада ҷафс шудан(и)

прива́ливать *несов. см.* **привали́ть**

прива́ливаться *несов.* 1. *см.* **привали́ться**; 2. *страд.* ҷафс карда шудан

привали́||ть *сов.* 1. *что* такья додан, такья (ҷафс) карда мондан, танба кардан (мондан); **~ть бревно́ к стене́** ғӯлачубро ба девор ҷафс карда мондан 2. *мор.* ҷафс шуда истодан, омада ҷафс шудан; **парохо́д ~л к при́стани** киштӣ ба бандар омада ҷафс шуд 3. *прост.* пахш карда омадан, рехта омадан, ҷам шудан; **наро́ду ~ло ви́димо-неви́димо** одам рехта омад, мардуми бисьёре ҷамъ шуданд // *перен.* омад кардан, бахт тофтан, дастболо шудан; **ему́ ~ло сча́стье** бахташ омад кард, бахташ тофт

привали́ться *сов. разг.* 1. *к кому-чему* такья кардан, дакка хӯрдан, ҷафс шудан 2. *см.* **привали́ть** 2, 3

прива́льный, -ая, -ое ...и дамгирӣ; ...и таваққуф ◇ **~ брус** *мор.* такьячуб, танбағӯла *(ғӯлачӯб ё оҳане, ки танаи киштиро аз зарбу лат муҳофизат мекунад)*

прива́ривание *с (по знач. гл.* **привари́ть**) тафсонда пайванд (кафшер, васл) кардан(и); *(по знач. гл.* **привари́ться**) пайванд (кафшер, васл) шудан(и)

прива́ривать *несов. см.* **привари́ть**

прива́риваться *несов.* 1. *см.* **привари́ться**; 2. *страд.* васл карда шудан

привари́ть *сов. что тех.* тафсонда пайванд (кафшер, лаҳим, васл) кардан, тафсонда часпондан

привари́ться *сов.* 1. *тех.* пайванд (кафшер, васл) шудан 2. *(пристать)* часпидан *(аз ҳарорати баланд)*

прива́рка *ж* 1. *см.* **прива́ривание:** 2. чизи тафсонда пайванд кардашуда

прива́рок *м* хуроки гарм, таом, озуқа

прива́рочный, -ая, -ое ...и хуроки гарм

прива́т-доце́нт *м* приват-доцент *(унвони илмии муаллимни ғайриштатии мактабҳои Россияи тореволюционӣ ва соҳиби ин унвон)*

прива́тн||ый, -ая, -ое *уст.* ғайрирасмӣ, ғайрихизматӣ; **в ~ом поря́дке** ба тариқи ғайрирасмӣ // *(частный)* хусусӣ, ғайриҷтимоӣ // *разг. (побочный)* иловагӣ, фаръӣ; **~ые заня́тия** машғулияти иловагӣ

приведе́ние *с (по знач. гл.* **привести́** 3—6) овардан(и), расондан(и); **~ в поря́док** ба тартиб овардан(и); **~ в созна́ние** ба ҳуш овардан(и)

привезти́ *сов. кого-что* овардан, расондан, оварда расондан, ворид кардан: **~ пода́рки** тухфа овардан; **~ изве́стие** хабар овардан (расондан)

приве́ре́да 1. *м, ж разг. см.* **привере́дник;** 2. *мн.* **привере́ды** *уст.* нозунуз

привере́дливо *нареч.* хурдагирона, айбҷӯёна, сернозунуз

привере́дливость *ж* инҷикӣ, хурдагирӣ, айбҷӯӣ, нозунуз

привере́дливый, -ая, -ое (привере́длив, -а, -о) инҷик, хурдагир, айбҷу, сернозунуз; **~ ребёнок** бачаи инҷиқ

привере́дник *м* одами инҷиқ (хурдагир, айбҷуй, сернозунуз)

привере́дница *женск. к* **привере́дник**

привере́дничание *с (по знач. гл.* **привере́дничать**) инҷиқӣ (хурдагирӣ, нозунуз) кардан(и)

привере́дничать *несов. разг.* инҷиқӣ (хурдагирӣ, айбҷӯӣ, нозунуз) кардан

приве́рженец *м* тарафдор, пайрав, мухлис, ҳаводор

приве́рженность *ж книжн.* тарафдорӣ, пайравӣ, мухлисӣ, ҳаводорӣ // *(склонность)* ихлосмандӣ, ҳавасмандӣ, шавқмандӣ, ишқбоз будан(и); **~ к теа́тру** ишқбози театр будан(и)

приве́рженный, -ая, -ое (приве́ржен, -а, -о) *книжн. (преданный)* тарафдор, пайрав, ҳаводор // *разг. (склонный)* ҳаваскор, дустдор, шавқманд, моил

привернуть *сов.* 1. *что* тофта маҳкам кардан, (гардонда) сахт кардан, тоб додан, тофтан; **~ га́йку** мурватро тоб дода маҳкам кардан 2. *что* тофта паст (кам) кардан; **~ ла́мпу** пилтаи лампаро тофта паст кардан

приверну́ться *сов.* 1. тоб хурда маҳкам (сахт) шудан, тофта шудан, тоб хӯрдан 2. тоб хӯрда паст (кам) шудан

привертéть *сов.* 1. *см.* **приверну́ть** 1; 2. маҳкам (банд) кардан

привёртывание *с (по знач. гл.* **приверну́ть**) тофта маҳкам кардан(и), гардонда сахт кардан(и)

привёртывать *несов. см.* **приверну́ть**

привёртываться *несов.* 1. *см.* **приверну́ться;** 2. *страд.* тофта шудан

привéс *м с.-х.* гушт гирифтан(и), фарбеҳ шудан(и); **увеличéние ～а скотá** фарбеҳ шудани чорво

привéсить *сов.* 1. *что* овехтан, овезон (андармон) кардан; ～ **лáмпу к потолкý** лампаро ба шифт овезон кардан 2. *что, чего разг.* барилова баркашидан ◇ **у негó язы́к хорошó привéшен** вай ба гап усто; **у негó язы́к плóхо привéшен** вай ба гап нуноқ аст

привéситься *сов. разг.* овезон (андармон) шудан

привéска *ж разг.* 1. (*по знач. гл.* **привéсить**) овезон (андармон) кардан(и) 2. овеза, зевар, зеб, ороиш, асбоби ороиш 3. *см.* **привéсок** 2

привеснóй, -áя, -óе овезон, овехташаванда

привéсок *м разг.* 1. порчаи вазнпуркунанда 2. *перен.* иловаи нодаркор

привестú *сов.* 1. *кого-что* овардан, расондан, оварда расондан; ～ **детéй домóй** бачаҳоро ба хона овардан; ～ **корáбль в порт** киштиро ба бандаргоҳ оварда расондан 2. *кого-что* овардан, бурдан; **дорóга привелá нас в дерéвню** роҳ моро ба деҳа овард // (*стать причиной*) боис (сабаб) шудан, водор кардан; **обстоя́тельства привелú егó в роднóй гóрод** вазъият уро водор кард, ки ба шаҳри азизаш баргардад 3. *кого-что во что* кардан, овардан, андохтан; ～ **в востóрг** шод кунондан; ～ **в готóвность** тайёр (омода, муҳайё) кардан; ～ **в движéние** ба ҳаракат даровардан; ～ **в замешáтельство** парешонхотир (мушавваш) кардан; ～ **в изумлéние** ба ҳайрат андохтан; ～ **в исполнéние** ба иҷро расондан, иҷро кардан; ～ **в негóдность** аз кор баровардан; ～ **в поря́док** ба тартиб овардан; ～ **в сознáние** ба ҳуш овардан 4. *кого-что к чему* овардан, расондан, гаштан, гардондан, андохтан, кунондан; ～ **к вы́воду** ба қароре расондан; ～ **к гúбели** ба ҳалокат расондан; ～ **к мы́сли** ба фикре овардан; ～ **к поражéнию** дучори ҳалокат кардан; ～ **к правúльному заключéнию** ба хулосаи дуруст овардан; ～ **к результáту** ба натиҷае овардан 5. *что* овардан, гуфтан; ～ **примéр** мисол (намуна) овардан ◇ ～ **в себя́** ба ҳуш овардан; хушьёр гардондан; ～ **к одномý (к óбщему) знаменáтелю** ба як махраҷ овардан; ба як ҳолат овардан; **не привéди бог!** (**гóсподи!**) худо накунад!, худо нишон надиҳад!, худо нигоҳ дорад!; **привёл бог** (**слýчай**), **привелá судьбá** худо расонд (дод), тақдир мададгор шуд; **э́то к добрý не приведёт** оқибати ин кор бахайр намешавад; **э́то ни к чемý хорóшему не приведёт** оқибати ин кор нек наметанҷомад

приве||стúсь *сов. разг.* насиб шудан, муяссар гардидан, тасодуф афтодан; **не ～лось мне там побывáть** ба он ҷо рафтан ба ман насиб нашуд

привет *м* 1. салом, пайғом, табрик; **передáть** ～ **комý-л.** ба касе салом (пайғом) расондан; **сердéчный** ～ саломи самимона; ～!; ～! *разг.* ассалом!, салом!, саломат бош(ед)!, хуш боше(ед)! 2. *уст.* (*радушие*) меҳрубонӣ, меҳмоннавозӣ ◇ **ни ответа, ни ～а** на хату на хабар

привéтить *сов. кого уст. и прост.* 1. (*обласкать*) навозиш кардан, меҳрубонона (самимона) пешвоз гирифтан 2. (*приветствовать*) табрик кардан, (муборакбод) гуфтан

привéтливо *нареч.* навозишкорона, меҳрубонона, самимона, бо рӯи кушод; ～ **встрéтить гóстя** меҳмонро меҳрубонона пешвоз гирифтан

привéтливость *ж* меҳрубонӣ, навозиш, кушодаруӣ, лутфу марҳамат

привéтлив||ый, -ая, -ое (привéтлив, -а, -о) меҳрубон, навозишкор, кушодаруй, хушмуомила, хайрхоҳ; **～ая хозя́йка** соҳибхонаи кушодаруй; **～ое лицó** чеҳраи меҳрубон

привéтный, -ая, -ое (привéт|ен, -на, -но) *уст. поэт.* навозишкор(она), меҳрубон(она)

привéтственн||ый, -ая, -ое табрикӣ, ...и табрик, муборакбодӣ; **～ая речь** нутқи табрикӣ, пайғоми муборакбодӣ

привéтстви||е *с* табрик, салом; **обменя́ться ～ями** саломуалек кардан; **вы́ступить с ～ем** нутқи муборакбодӣ кардан // табрикнома; **послáть ～е юбиля́ру** ба соҳибҷашн табрикнома фиристодан

привéтствовать *несов.* 1. (*прош. тж. сов.*) *кого-что* (*здороваться*) салом додан (гуфтан) саломуалек кардан, вохӯрдӣ кардан; (*обращаться с приветствием*) табрик (муборакбод) кардан, муборакбод гуфтан; ～ **делегáтов съéзда** вакилони анҷуманро табрик гуфтан 2. *что* (*одобрять*) маъқул донистан, писандидан; ～ **чью-л. инициатúву** ташаббуси касеро маъқул донистан

привечáть *несов. см.* **привéтить**

привéшивание *с см.* **привéска** 1

привéшивать *несов. см.* **привéсить**

привéшиваться *несов.* 1. *см.* **привéситься**; 2. *страд.* овезон карда шудан

прививáние *с* (*по знач. гл.* **привúть** I 1) пайванд кардан(и); канондан(и); омӯхтан(и), одат кунондан(и); (*по знач. гл.* **привúться** 1) гирифтан(и)

прививáть I, II *несов. см.* **привúть** I, II

прививáться I *несов.* 1. *см.* **привúться**; 2. *страд.* пайванд карда шудан

прививáться II *несов. страд.* баста шудан

привúвка *ж* 1. (*по знач. гл.* **привúть** I 1, 3) пайванд кардан(и), канондан(и); (*по знач. гл.* **привúться** 1) гирифтан(и); ～ **я́блони** пайванд кардани дарахти себ; ～ **óспы** канондани нағзак, обилакубӣ 2. *см.* **привóй**

прививнóй, -áя, -óе *сад.* пайвандӣ

привúвок *м см.* **привóй**

привúвочный, -ая, -ое 1. *мед.* ...и пайвандшаванда 2. *сад.* пайвандӣ

привидéние *с* хаёлот, шабаҳ, сиёҳӣ

привúдеться *сов. разг.* ба хаёл омадан, дар хоб дида шудан, сиёҳӣ пахш кардан; ～ **во сне** ба хоб даромадан

привилегирóванность *ж* имтиёзнокӣ, дорои имтиёз будан(и), соҳибимтиёзӣ; ～ **положéния** имтиёзнокии вазъият

привилегирóванн||ый, -ая, -ое имтиёзнок, дорои имтиёз, соҳибимтиёз; **～ое сослóвие** табақаи соҳибимтиёз, **～ое учéбное заведéние** донишкадаи дорои имтиёз

привилéги||я *ж* 1. имтиёз, тарҷеҳ; **сослóвные ～и** имтиёзҳои табақавӣ 2. (*льгота*) сабукӣ, бартарӣ, имтиёз; **пóльзоваться ～ей** бартарӣ (имтиёз) доштан

привинтúть *сов. что* тоб дода маҳкам (сахт) кардан, бо мурват маҳкам кардан; ～ **гáйку** мурватро тоб дода маҳкам кардан

привинтúться *сов.* тоб хурдан, тоб хӯрда маҳкам (сахт) шудан

привúнчивать *несов. см.* **привинтúть**

привúнчиваться *несов.* 1. *см.* **привинтúться**; 2. *страд.* бо мурват маҳкам карда шудан

привирáть *несов. см.* **приврáть**

привúтие *с* (*по знач. гл.* **привúть** I 4) одат кунондан(и); талқин кардан(и); ～ **нáвыков** малака ҳосил кунондан(и)

привúть I *сов. что* 1. *сад.* пайванд кардан; ～ **слúву к пéрсиковому дéреву** ба дарахти шафтолу олуро пайванд кардан; ～ **я́блоню** дарахти себро пайванд кардан 2. (*акклиматизировать растение*) ба обу ҳавои ҷои нав омӯхта (одат) кунондан 3. *мед.* пайванд кардан, канондан; ～ **óспу** нағзак канондан, обила куфтан 4. *кому-чему перен.* ёд додан, омӯхтан, одат кунондан; талқин кардан; ～ **любóвь к трудý** меҳнатдӯстиро талқин кардан

привúть II *сов. что* тофта пайвастан; ～ **однý верёвку к другóй** ресмонеро ба ресмони дигар тофта пайвастан

привú||ться *сов.* 1. *сад.* гирифтан; **черенóк ～лся** қаламча гирифт; **я́блони хорошó ～лúсь** дар ҷои нав дарахтони себ нағз гирифтанд 2. *мед.* гирифтан; **óспа ～лáсь** *мед.* нағзак гирифтааст 3. *перен.* одат (расм, таомул, ҷори) шудан; **э́то назвáние не ～лóсь** ин ном ба ҳукми одат надаромад

прúвкус *м* 1. мазаи бегона, таъми дигар, бӯю лаззати дигар; **чай с гóрьким ～ом** чои таъмаш талх, чои талхмаза; **почýвствовать неприя́тный ～ во ртý** дар даҳон таъми ногуворе ҳис кардан 2. *перен.* омехта, =намо, буй, таъм

привлекáтельность *ж* ҷозибадорӣ, дилрабоӣ, дилкашӣ, диловезӣ, ҷозиба, фаттонӣ

привлекáтельн||ый, -ая, -ое (привлекáте|лен, -льна, -льно) ҷозиб, ҷолиб, ҷолиби диққат, дилчасп, ҷалбкунанда, шавқовар; **～ый человéк** одами ҷозиб, ҷони одам; **у неё ～ая внéшность** вай ситорагарм аст, қиёфаи вай дилрабост

привлекáть *несов. см.* **привлéчь**

привлекáться *несов. страд.* ҷалб карда шудан

привлечение *с* (*по знач. гл.* **привлечь** 2—6) кашидан(и), ҷалб кардан(и); **~ женщин к руководящей работе** ҷалб кардани занон ба корҳои роҳбарӣ

привлечь *сов.* 1. *кого-что уст.* кашидан, наздик кардан (овардан); **мать привлекла дочь к себе** модар духтаришро ба худ кашид 2. *кого-что* ҷалб (ҷазб, мутаваҷҷеҳ) кардан, бурдан, кашидан; **звуки музыки привлекли людей на площадь** навои мусиқӣ мардумро ба майдон ҷалб кард; **~ молодёжь в художественную самодеятельность** ҷавононро ба маҳфили ҳаваскорони санъат ҷалб кардан; **~ кого-л. на свою сторону** касеро ба тарафи худ кашидан 3. *кого-что, к чему* кашидан; **~ к ответу** ба ҷавобгарӣ кашидан; **~ к ответственности** ба масъулият кашидан 4. *что* (*использовать*) истифода кардан, би кор андохтан 5. *кого-что* ҷалб кардан, ба худ кашидан; **выставка картин привлекла много посетителей** намоиши расмҳо диққати мардумро ба худ кашид; **~ чьё-л. внимание** диққати касеро ҷалб кардан 6. (*расположить*) моил кунондан, бурдан, рабудан, гарм кардан; **~ к себе сердца** дили одамонро ба худ моил кунондан, дилҳоро рабудан

привнесение *с* (*по знач. гл.* **привнести**) дохил (ҳамроҳ) кардан(и), даровардан(и)

привнести *сов. что во что книжн.* дохил (ҳамроҳ) кардан, даровардан, илова кардан

привносить *несов. см.* **привнести**

привноситься *несов. страд.* дохил карда шудан

привод I *м* 1. (*по знач. гл.* **привести** 1) овардан(и), расондан(и); **~ под конвоем** дар зери назорати қаровулон овардан(и) 2. *юр.* маҷбуран расондан(и); **у него два ~а** ӯро ду бор маҷбуран овардаанд // (*временный арест*) ҳабси муваққатӣ

привод II *м*, **привод** *м тех.* ҳаракатовар; **зубчатый ~** ҳаракатовари дандонадор; **ремённый ~** ҳаракатовари тасмадор; **электрический ~** ҳаракатовари электрӣ

приводить *несов. см.* **привести**

приводиться I *несов. см.* **привестись**

приводиться II *несов. страд.* оварда шудан

приводнение *с* (*по знач. гл.* **приводниться**) болои об фуромадан(и)

приводниться *сов.* болои об фуромадан

приводной, -ая, -ое *тех.* ...и привод, чархзанонанда, гирдгардонанда, ҳаракатовар; **~ ремень** тасмаи ҳаракатовар; **~ вал** меҳвари чархзанонанда

привоз *м* 1. (*по знач. гл.* **привезти**) овардан(и), расондан(и), ворид кардан(и); **~ товаров** овардани молҳо 2. *разг.* чизи овардашуда, воридот 3. *уст. и обл.* (*место*) бозор, бозорҷо

привозить *несов. см.* **привезти**

привозиться *несов. страд.* оварда шудан

привозка *ж разг. см.* **привоз** 1

привозной, -ая, -ое, **привозный**, -ая, -ое овардашуда, воридшуда, воридотӣ; **~ товар** моли овардашуда, воридот

привой *м сад.* пайванднавда, пайвандмуғча, қаламча

привокзальн||ый, -ая, -ое ...и наздивокзал; **~ая площадь** майдони наздивокзал

приволакивать *несов.* 1. *см.* **приволочь**; 2.: **~ ногу** андак лангидан

приволакиваться *несов.* 1. *см.* **приволочься**; 2. *см.* **приволокнуться**; 3. *страд.* кашолакунон оварда шудан

приволокнуться *сов. за кем уст. разг.* андаке ишқбозӣ кардан

приволочить(ся) *сов. см.* **приволочь(ся)**

приволочь *сов. кого-что разг.* кашола карда (кашолакунон) овардан, кашон-кашон овардан (расондан); **~ лодку** заврақро кашолакунон овардан // (*привести с собой*) ҳамроҳи (бо) худ овардан // (*привести насильно*) зӯран (маҷбуран) овардан

приволочься *сов. разг.* ба зӯр (бо заҳмат, бо азобе) омадан

приволье *с* 1. (*простор*) ялангӣ, ҷои яланг (фарох, кушод); **~ степей** паҳнои дашт 2. (*свобода*) озодӣ, фароғат; **в саду детям ~** бачаҳо дар боғ бофароғат мегарданд

привольно *нареч.* 1. (*просторно*) васеъ, фарох, яланг 2. (*свободно*) озодона, бофароғат, фориғболона; **чувствовать себя ~** худро озод ҳис кардан

привольн||ый, -ая, -ое (приво|лен, -льна, -льно) 1. (*просторный*) васеъ, фарох, яланг, кушод, паҳновар, беканор; **~ые степи** даштҳои паҳновар (беканор) 2. (*свободный*) озодона, бофароғат, фориғболона; **~ое житьё** зиндагонии бофароғат

привораживать *несов. см.* **приворожить**

приворачивать *несов. см.* **приворотить**

приворожить *сов. кого-что уст.* сеҳр (ҷоду, афсун) кардан // *перен.* ба худ ҷалб (гарм) кардан, мафтун кардан

приворот *м уст. и обл.* сеҳр, ҷоду, афсун, тумор

приворотить *сов.* 1. *кого-что разг.* хам (наздик, ҷафс, такъя) кунондан, танба занондан; **~ камень к стене** сангро ба девор ҷафс кунондан 2. *что разг.* (*изогнув, приблизить к чему-л.*) хам карда наздик кунондан // *кого-что* (*повернуть*) ба тарафе (ба сӯи) гардондан; **~ лошадь к крыльцу** аспро ба [сӯи] айвонча гардондан 3. *прост.* даромада мондан; наздик омадан 4. *прост. см.* **приворожить**

приворотный I, -ая, -ое *разг.* ...и назди дарвоза, дар пеши дар буда, дар дами дарвоза буда

приворотн||ый II, -ая, -ое *уст. и обл.* ...и сеҳр, ...и ҷоду, ...и афсун; **~ое зелье** нушобаи муҳаббат

привратник *м* 1. дарбон, дарвозабон, посбон 2. *анат.* пайвастгоҳи меъдаю рӯда

привратница *женск. к* **привратник** 1

приврать *сов. что и без доп. разг.* андак (каме) дурӯғ гуфтан, муболиға (муҳобот) кардан

привскакивать *несов. см.* **привскочить**

привскочить *сов.* ҷахидан, ҷастан // *разг.* (*о ценах*) боло шудан

привставать *несов. см.* **привстать**

привстать *сов.* андак хестан, нимхез шудан

привходить *несов. книжн.* тасодуфан илова (ҳамроҳ) шудан

привходящ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* ҳамроҳшуда 2. *прил.* барилова, баризофа, ҳамроҳшуда, ғайричашмдошт; **~ие обстоятельства** вазъияти ғайричашмдошт

привыкание *с* (*по знач. гл.* **привыкнуть** 2) одат кардан(и), омӯхта шудан(и), унс (хӯ) гирифтан(и)

привыкать *несов. см.* **привыкнуть** ◇ **не ~ [стать]** *кому* одат кардан, хӯ (унс) гирифтан; **нам не ~** мо ба ин одат кардаем, мо инро на як бору ду бор дидаем

привы||кнуть *сов.* 1. *с неопр.* одат кардан, ху (унс) гирифтан, омӯхта шудан; **~кнуть рано вставать** ба барвақт хестан одат кардан 2. *к чему и без доп.* омӯхта шудан, одат кардан; **мы ~кли к нашему городу** мо ба шаҳри худамон одат кардаем; **глаза ~кли к темноте** чашмҳо ба торикӣ омӯхта шудаанд // *к кому-чему* дилбаста шудан, ху (унс) гирифтан; **ребёнок ~к к бабушке** бача ба модаркалонаш дилбаста шудааст

привычк||а *ж* одат, хӯ, хислат; **плохая ~а** одати бад; **войти в ~у** одат шудан, ба ҳукми одат даромадан; **делать что-л. по ~е** аз рӯи одат коре кардан; **выработать в себе ~у** худро омухта кунондан; **иметь ~у** одат доштан; **приобрести ~у** одат пайдо кардан

привычно *нареч.* одатан, аз рӯи одат

привычность *ж* одатӣ будан(и), муқаррарӣ (маъмулӣ) будан(и)

привычн||ый, -ая, -ое (привыч|ен, -на, -но) 1. одатӣ, одатшуда, ...и одат, муқаррарӣ, маъмулӣ; **~ое занятие** машғулияти муқаррарӣ; **~ый жест** ҳаракати одатӣ; **стать ~ым** одат шудан, ба ҳукми одат даромадан 2. омӯхташуда, одатшуда; **он к этому делу не привычен** ӯ ба ин кор одат накардааст, ӯ ба ин кор омухта нашуда аст ◇ **~ый вывих** *мед.* латхурии такрорӣ

привязанность *ж* 1. дилбастагӣ, ихлос, меҳр; **горячая ~** дилбастагии самимона; **сыновняя ~** меҳри фарзандӣ 2. ёри кадимӣ; дусти ҷонӣ

привяза||ть *сов.* 1. *кого-что* бастан, баста мондан, пайванд (гиреҳ) кардан, барбастан; **~ть лошадь** аспро бастан 2. *кого перен.* гирифтор (банд, пойбанд) кардан; **болезнь ~ла его к постели** беморӣ ӯро бистарӣ кард 3. *кого перен.* дилбаста кардан, моил

кунондан; ~**ть к себе ребёнка** бачаро ба худ моил кунондан 4. *к чему перен. (соотнести с чем-л.)* мутобиқ кардан (овардан)

привяза́||ться *сов.* 1. худро бастан 2. баста шудан 3. *к кому-чему перен.* дилбаста шудан, ху (унс) гирифтан, меҳр мондан; ~**ться к ребёнку** ба бача меҳр мондан; **он всем сердцем ~лся к нашим края́м** у ба кишварамон дил баст 4. *перен. разг (пристать)* часпидан, ҷаққидан, безор кардан, ба ҷон расондан; ~**ться с расспро́сами** бо пурсуков безор кардан // аз дунбол рафтан, аз пай афтидан, таъқиб кардан; **собака ~лась к прохо́жему** саг аз паи раҳгузар афтид // *(не оставлять в покое)* қарору ором надодан, осуда нагузоштан, безор кардан, ба ҳолаш нагузоштан; **этот моти́в ~лся ко мне** ин оҳанг ҳеҷ аз майнаам дур намешавад; ин оҳанг ба ман қарору ором намедиҳад 5. *перен. (соотнестись с чем-л.)* мутобиқ шудан (омадан)

привя́зка *ж (по знач. гл.* **привяза́ть** 1, 4*)* бастан(и), пайванд (гиреҳ) кардан(и); мутобиқ кардан(и); *(по знач гл.* **привяза́ться** 1, 5) худро бастан(и); мутобиқ шудан(и)

привязно́й, -а́я, -о́е басташаванда, банд

привя́зчиво *нареч.* ба таври безоркунанда, дилбазан

привя́зчивость *ж разг.* дилбастагӣ, часпандагӣ, чаққандагӣ, безоркунандагӣ

привя́зчивый, -ая, -ое (привязчив, -а, о) *разг.* 1. зуд дилбасташаванда, зуд пойбандшаванда; ~ **ребёнок** бачаи зуд дилбасташаванда 2. *(назойливый)* часпанда, чаққанда, безоркунанда, дилбазан, дилгиркунанда // *(придирчивый)* хурдагир, нуктачин

привя́зывание *с (по знач. гл.* **привяза́ть** 1) бастан(и), пайванд кардан(и); *(по знач. гл.* **привяза́ться** 1, 4) худро бастан(и); безор кардан(и), ба ҷон расондан(и)

привя́зывать *несов. см* **привяза́ть**

привя́зываться *несов* 1. *см.* **привяза́ться**; 2. *страд.* баста шудан

привя́з||ь *ж* банд, тасма; **держа́ть соба́ку на ~и** сагро дар банд нигоҳ доштан; **спусти́ть соба́ку с ~и** сагро аз банд раҳондан ◇ **держа́ть язы́к на ~и** лаб фуру бастан, муҳри сукут (хомушӣ) бар лаб задан

привя́ливать *несов. см.* **привя́лить**

привя́лить *сов. что* андак қоқ (хушк) кардан, андак хушкон(и)дан, нимхушк кардан; ~ **рыбу** моҳиро андак хушконидан

привя́||нуть *сов. разг.* андак пажмурда шудан; **цветы́ ~ли** гулҳо пажмурда шуданд

прига́р *м* 1. ҷои сӯхта 2. *тех. и разг.* карахш *(карахши дег ва ғ. баъд аз гудозиш ё кафшер)*; **отбить ~ со стено́к котла́** карахши даруни дегро зада-зада тарошида гирифтан

пригарь *ж прост.* таъми сухта (дуд); **молоко́ с ~ю** шири сухта, шире, ки таъми дуд медиҳад

пригвожда́ть *несов. см.* **пригвозди́ть**

пригвожда́ться *несов. страд.* мехкӯб карда шудан

пригвозди́||ть *сов.* 1. *что уст.* мех задан, мех зада (бо мех) маҳкам кардан, мехкӯб (парчин) кардан 2. *кого-что (проткнуть насквозь)* халонда сурох кардан 3. *кого перен.* шах (карахт, моту мабҳут) кардан, пойбанд кардан, хобондан; ~**ть взгля́дом** бо теғи нигоҳ куштан; **боле́знь ~ла его́ к посте́ли** беморӣ ӯро аз пой афтонд (руи ҷой кард), беморӣ ӯро ба ҷойгаҳ хобонд ◇ ~**ть к позо́рному столбу́** тавқи лаънат овехтан

пригиба́ние *с (по знач. гл.* **пригну́ть**) (хам, қат, дукат) кардан(и)

пригиба́ть *несов. см.* **пригну́ть**

пригиба́ться *несов.* 1. *см.* **пригну́ться**; 2. *страд.* хам карда шудан

пригибно́й, -а́я, -о́е: ~ **шаг** *спорт.* зонуқат гаштан

пригла́дить *сов. что* 1. молида ҳамвор (тахт) кардан, молиш (совиш) додан; ~ **во́лосы** муйҳоро тахт кардан 2. *перен. разг.* ҳамвор (тахт) кардан, дуруст ислоҳ кардан; ~ **стиль статьи́** услуби мақоларо дуруст кардан

пригла́диться *сов.* 1. ҳамвор (тахт) шудан 2. *(пригладить себе волосы)* муи худро молиш дода ҳамвор (тахт) кардан

пригла́женность *ж* якрангӣ, аз фасоҳат дур будан(и); ~ **сти́ля** аз фасоҳат дур будани услуб

пригла́женный, -ая, -ое 1. *прич.* ҳамворшуда 2. *прил (о языке, стиле)* якранг, якнавохт, аз фасоҳат дур

пригла́живать *несов. см.* **пригла́дить**

пригла́живаться *несов.* 1. *см.* **пригла́диться**; 2. *страд.* ҳамвор карда шудан

пригласи́тельный, -ая, -ое ...и даъват, ...и таклиф; ~ **биле́т** даъватнома

пригласи́ть *сов. кого-что* даъват (таклиф) кардан, ҷеғ задан, хондан, хостан; ~ **в го́сти** ба меҳмонӣ даъват кардан; ~ **на ве́чер** ба шабнишинӣ даъват кардан; ~ **врача́ к больно́му** духтурро ба назди бемор ҷеғ задан

приглаша́ть *несов. см.* **пригласи́ть**

приглаша́ться *несов. страд.* даъват карда шудан

приглаше́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **пригласи́ть**) даъват (таклиф) кардан(и), ҷеғ задан(и), хондан(и), хостан(и) 2. даъват, таклиф, даъватнома, таклифнома; **получи́ть** ~ даъват шудан, даъватнома гирифтан

приглашённ||ый, -ая, -ое *прич. и в знач. сущ. м, ж* даъватшуда, таклифшуда; **все ~ые пришли́ на ве́чер** хамаи даъватшудагон ба шабнишинӣ омаданд

приглуша́ть *несов. см.* **приглуши́ть**

приглуша́ться *несов. страд.* паст карда шудан

приглушённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пастшуда 2. *прил.* андак паст (хомуш), суст; ~**ые голоса́** овозҳои андак паст

приглуши́||ть *сов. что* 1. як қадар паст (хомӯш, суст) кардан; **ве́тер ~л голоса́** шамол овозҳоро як қадар паст кард; ~**ть мотор** моторро андак хомуш кардан 2. *перен. (ослабить)* таскин (тасалло) додан, паст (суст) кардан; ~**ть боль** дардро таскин додан; ~**ть тоску́** ғамро таскин додан 3. *перен. разг. (подавить)* пахш (зер) кардан, фуру нишондан, хомӯш кунондан; ~**ть инициати́ву** ташаббусро хомуш кунондан 4. *разг. (затушить)* куштан, хомӯш кардан; ~**ть самова́р** оташи самоворро куштан

пригля́д *м прост.* нигоҳубин, нигаҳбонӣ, парасторӣ; **оста́вить дом без ~а** хонаро бе нигоҳубин мондан

пригляде́ть *сов. разг.* 1. *за кем-чем* нигоҳубин (нигаҳбонӣ, парасторӣ) кардан; ~ **за детьми́** бачаҳоро парасторӣ кардан; ~ **за больны́м** беморро нигоҳубин кардан 2. *кого-что* таги чашм кардан, хуш кардан, ҷудо (интихоб) кардан; ~ **ме́сто для постро́йки** мавзее барои иморат ҷудо кардан; ~ **неве́сту** арусшавандаеро таги чашм кардан

пригляде́ться *сов. разг. к кому-чему и без доп.* 1. бо диққат нигоҳ кардан, чашм (назар) дӯхтан; бо диққат доништа гирифтан; ~ **к но́вым това́рищам** рафиқони навро дурустакак доништа гирифтан 2. *(освоиться)* одат кардан // *(привыкнуть к темноте)* чашмро ба торикӣ одат кунондан (омухта кардан) // *(надоесть)* безор шудан, ба танг (ба сутуҳ) омадан, дилгир (дилбазан) шудан

пригля́дный, -ая, -ое (пригля́д|ен, -на, -но) *прост.* хушрӯ, зебо, дилкаш, маъқул

пригля́дывать(ся) *несов. см.* **пригляде́ть(ся)**

пригляну́ть *сов. см.* **пригляде́ть**

пригляну́ться *сов. кому разг.* хушрӯй намудан, маъқул шудан, форидан, писанд омадан

пригна́ть *сов.* 1. *кого-что* ронда овардан, ҳай (пеш) карда овардан; ~ **ста́до** рамаро ҳай карда овардан 2. *прост. (примчаться)* зуд (тез) омадан, тозон (давон, шитобон) омадан 3. *что (приладить)* соз (мувофиқ) кардан, васл (тахт) кардан, даровардан; ~ **око́нную ра́му** чорчӯбаи тирезаро ба ҷояш шинондан

пригну́||ть *сов. кого-что* хам (қат, дукат) кардан, хамондан, поин андохтан, хобондан; **бу́ря ~ла де́рево к земле́** бурон дарахтро ба замин хам кард

пригну́ться *сов.* хам (қат) шудан, хамидан, хобидан

догова́ривать *несов.* 1. *см.* **пригово-ри́ть**; 2. *что и без доп.* коре карда истода гап задан, ғур-ғур кардан, нимғурма гап задан, зери лаб гап задан

пригова́риваться *несов. страд.* ҳукм карда шудан

пригово́р *м* 1. ҳукм, ҳукмнома, фатво, қарор; ~ **суда́** ҳукми суд; **оправда́тельный** ~ ҳукми сафедкунанда; **вы́нести** ~ ҳукм баровардан // *перен.* фикр, мулоҳиза, ақида; **вы́нести свой** ~ мулоҳизаи (ақидаи) худро гуфтан 2. *разг. фольк. (присловье, прибаутка)* мақол, масал, аския

приговорённый, -ая, -ое 1. *прич.* ҳукмшуда, маҳкумшуда 2. *в знач. сущ.* **приговорённый** *м*, **приговорённая** *ж* ҳукмшуда, маҳкум

приговори́ть *сов.* 1. *кого к чему, на что* ҳукм (маҳкум) кардан; ~ **к сме́рти** бо ҷазои қатл ҳукм кардан 2. *что и без доп. уст.* (*решить*) қарор додан (кардан), ҳукм кардан, ба қарор омадан, фатво додан

приговóрка *ж см.* **приговóр** 2

пригоди́т||ься *сов.* даркор (лозим) шудан, ба кор омадан, муфид будан; **в доро́ге всё** ~**ся** дар сафар ҳама чиз лозим мешавад

приго́дность *ж* боб (соз, баҷо, лоиқ, короям) будан(и)

приго́дный, -ая, -ое (**приго́д|ен,** -на, -но) боб, соз, баҷо, шуданӣ, лоиқ, короям; ~ **для рабо́ты** ба кор лоиқ

приго́жество *с обл. и фольк.* хушруӣ, хушгилӣ, зебоӣ, малоҳат

приго́жесть *ж обл. и фольк.* хушруй (хушгил, зебо) будан(и), малоҳатнокӣ

приго́жий, -ая, -ее (**приго́ж,** -а, -е) 1. *обл. и нар.-поэт.* (*о человеке*) хушрӯй, хушгил, зебо, хушсимо, ҷозиб, ҷамил, малеҳ 2. *разг.* (*о погоде*) хуш, нағз, офтобӣ, нарм; ~ **денёк** рузи нарм

приголу́бить *сов. фольк. и разг. см.* **приласка́ть**

приголу́бливать *несов. см.* **приголу́бить**

приго́н *м* 1. (*по знач. гл.* **пригна́ть** I) ронда овардан(и), ҳай (пеш) карда овардан(и); ~ **скота́ на водопо́й** ба обхура ҳай карда овардани чорво 2. (*загон*) қӯра, қӯтан

приго́нка *ж* (*по знач. гл.* **пригна́ть** I, 3) ронда овардан(и); бурда расонда(и), соз (мувофиқ) кардан(и), васл, (тахт) кардан(и), даровардан(и); ~ **плото́в** бурда расондани амадҳо; соз кардани амадҳо; ~ **дета́лей маши́ны** соз кардани қисмҳои мошин

приго́нный, -ая, -ое аз дигар ҷо овардашуда; ~ **скот** чорвои аз дигар ҷо овардашуда; ~ **лес** чӯбҳои аз дигар ҷо овардашуда

приго́ночный, -ая, -ое ...и соз кардан(и), ...и мувофиқ кардан(и), ...и дуруст кардан(и), ...и тахт кардан(и)

пригоня́ть *несов. см.* **пригна́ть** I, 3

пригоня́ться *несов. страд.* ронда оварда шудан; соз карда шудан

пригора́живать *несов. см.* **пригороди́ть**

пригора́ние *с* (*по знач. гл.* **пригоре́ть**) сухтан(и), андак таҳ гирифтан(и)

пригоре́л||ый, -ая, -ое сухта, таҳгирифта; ~**ый хлеб** нонӣ сухта; ~**ое молоко́** шири таҳсухта (таҳгирифта)

пригоре́||ть *сов.* 1. сухтан, андак сӯхтан, андак таҳ гирифтан; **мя́со** ~**ло** гушт андак сухт; **молоко́** ~**ло** шир сухт, таҳи шир гирифт 2. *прост.* (*засохнуть от зноя*) сухтан, хушк (қоқ) шудан, хушкидан

при́город *м* 1. атрофи шаҳр, музофоти шаҳр, беруни шаҳр; ~**ы Москвы́** музофоти Москва; **жить в** ~**е** дар беруни шаҳр зистан 2. *ист.* шаҳрча (*дар Руси Қадим шаҳри хурди тобеи шаҳри калон*)

пригороди́ть *сов. что разг.* 1. девор (тавора) кашида гирифтан, қаторак зада ҳамроҳ кардан; ~ **себе́ сосе́дний уча́сток** майдончаи шафатро девор кашида гирифтан 2. дар шафат сохтан, барилова сохта; ~ **по́греб к сара́ю** дар шафати ҳезумхона таҳхона сохтан

при́городн||ый, -ая, -ое 1. ...и атрофи шаҳр, ...и назди шаҳр, ...и ҳаволии шаҳр, ...и беруни шаҳр; ~**ое хозя́йство** хоҷагии беруни шаҳр 2. (*о транспорте*) ...и атрофишаҳрӣ; ~**ый по́езд** поезди атрофишаҳрӣ

приго́рок *м* геппа, тал, пушта, баландӣ, кутал

при́горшн||я *ж* 1. мушт, каф, ҳавуч; **подста́вить** ~**и** каф гузоштан; **че́рпать во́ду** ~**ями** бо кафи даст об гирифтан 2. як мушт, як каф, як ҳавуч; ~**я муки́** як ҳавуч орд ◇ **по́лными** ~**ями** мушт-мушт, каф-каф, ҳавуч-ҳавуч

пригорю́ниваться *несов. см.* **пригорю́ниться**

пригорю́ниться *сов. фольк. и разг.* андуҳгин (ғамгин, дилтанг) шудан, ғусса хурдан

приготáвливание *с см.* **приготовле́ние**

приготáвливать *несов. см.* **пригото́вить**

приготáвливаться *несов.* 1. *см.* **пригото́виться**; 2. *страд.* тайёр карда шудан

приготови́тельн||ый, -ая, -ое ...и тайёр, тайёрӣ; ~**ые рабо́ты** корҳои тайёрӣ; ~**ый класс** синфи тайёрӣ

пригото́вить *сов.* 1. *что* тайёр (омода, ҳозир, таҳия, муҳайё) кардан; ~ **посте́ль** ҷойгаҳ андохтан 2. *кого* (*подготовить*) тайёр (омода) кардан; ~ **к поступле́нию в институ́т** барои ба институт дохилшавӣ тайёр шудан; ~ **кого́-л. к неприя́тной но́вости** касеро ба шунидани хабари нохуш тайёр кардан 3. *что* (*сделать*) тайёр кардан, сохтан; пухтан; ~ **лека́рство** дору тайёр кардан; ~ **обе́д** хурок пухтан // *тж. чего* (*заготовить*) фароҳам овардан, тайёр кардан; ~ **дров к зиме́** барои зимистон хезум тайёр кардан // (*выполнить*) иҷро (ҳозир, тайёр) кардан; ~ **уро́ки** дарс тайёр (ҳозир) кардан // (*заранее составить*) тартиб додан, тайёр кардан; ~ **речь** матни нутқро тайёр кардан

пригото́виться *сов. к чему, с неопр. и без доп.* тайёрӣ дидан, тайёр (омода, ҳозир, муҳайё) шудан; ~ **к отъе́зду** ба сафар омода шудан; ~ **отвеча́ть** ба ҷавоб додан ҳозир шудан; ~ **к экза́менам** ба имтиҳон ҳозир шудан

приготови́шка *м, ж разг.* талабаи (толибаи) синфи тайёрӣ (*дар мактабҳои пеш аз революция*)

приготовле́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **пригото́вить**) тайёр (омода, ҳозир, муҳайё) кардан(и); пухтан(и); тартиб додан(и); ~**е лека́рства** тайёр кардани дору; ~**е пи́щи** хурокпазӣ 2. *чаще мн.* **приготовле́ния** тайёрӣ; ~**я к по́ездке** тайёрӣ ба сафар, тайёрии сафар

приготовля́ть *несов. см.* **пригото́вить**

приготовля́ться *несов.* 1. *см.* **пригото́виться**; 2. *страд.* тайёр карда шудан

пригреба́ть *несов. см.* **пригрести́**

пригреба́ться *несов.* 1. *см.* **пригрести́сь**; 2. *страд.* ғарам карда шудан

пригрёв *м* 1. *см.* **пригрева́ние**; 2. *обл.* (*солнцепёк*) офтобруя, ҷои тафси офтоб (офтобрас)

пригрева́ние *с* (*по знач. гл.* **пригре́ть** I) гарм кардан(и), қадре тафсондан(и)

пригрева́ть *несов. см.* **пригре́ть**

пригрева́ться *несов.* 1. *см.* **пригре́ться**; 2. *страд.* гарм карда шудан

пригре́зиться *сов.* 1. (*представиться*) ба хаёл (ба ёд) омадан, вонамуд шудан, ба назар намудан (омадан) 2. (*присниться*) [дар] хоб дидан

пригрести́ *сов.* 1. *что* кашида ғун (тӯп) кардан, ғарам кардан, туда (ҷамъ) кардан; ~ **снег к забо́ру** барфро ба таки девор туп кардан 2. бел зада расидан (наздик омадан); ~ **к бе́регу** бел зада ба соҳил омадан

пригрести́сь *сов. прост. и обл. см.* **пригрести́** 2

пригре́||ть *сов.* 1. *кого-что* гарм кардан, қадре тафсондан; **со́лнце** ~**ло зе́млю** офтоб заминро гарм кард 2. *кого перен.* паноҳ додан, навозиш кардан, парасторӣ кардан ◇ ~ **змею на груди́** мор дар бағал парваридан

пригре́ться *сов.* 1. гарм шудан, худро гарм кардан; ~ **на со́лнышке** дар офтоб гарм шудан 2. *перен.* паноҳ ёфтан (бурдан)

пригрози́ть *сов. кому-чему, чем* таҳдид кардан, тарсондан, дӯғ задан, пуписа кардан; ~ **судо́м** аз суд тарсондан

пригу́бить *сов. что, чего и без доп.* андак нушидан, лаб тар кардан; намакчашак кардан

пригу́бливать *несов. см.* **пригу́бить**

пригу́льный, -ая, -ое 1. *уст.* (*о скоте*) бегона, бесоҳиб 2. *прост.* (*о ребёнке*) ҳаромӣ, ҳаромзода

пригуля́ть *сов. кого прост.* ҳаромӣ зоидан

придава́ть *несов. см.* **прида́ть**

придава́ться *несов. страд.* барилова дода шудан

придави́||ть *сов.* 1. *кого-что* зер (пахш маҷақ) кардан, фишор додан, фушурдан; ~**ть к земле́** ба замин пахш кардан // *что* (*прищемить*) зер (маҷақ) кардан; ~**ть па́лец две́рью** ангуштро мағзи дар монондан 2. *кого перен. прост.* азият (азоб, озор) додан, пахш (зер) кардан; **её** ~**ло го́ре** бори мусибат уро пахш кардааст 3. *кого разг.* (*раздавить*) зер (пахш маҷақ) карда куштан; ~**ть му́ху** магасро маҷақ карда куштан

прида́вленность *ж* залолат, афсурдаҳолӣ

прида́вленный, -ая, -ое 1. *прич.* зеркардашуда, фишорхурда 2. *прил.* хор, залил, афсурдаҳол 3. *прил. разг.* (*о голосе*) хаста, паст, хирӣ

прида́вливать *несов. см.* **придави́ть**

прида́вливаться *несов. страд.* зер карда шудан

прида́ние *с* (*по знач. гл.* **прида́ть**) барилова додан(и), илова (ҳамроҳ) кар-

даҳ(и); ~ **пехо́те та́нков** ба ёрии аскарони пиёда додани танкҳо; ~ **бо́дрости** хушҳол гардондан(и)

прида́ное *с* 1. *(для невесты)* ҷиҳоз, ҷиҳози арӯс, бисот, маҳр, кобин 2. *(для новорождённого)* ҷиҳози кудаки навзод

прида́ток *м* 1. илова, замима, изофа, овеза, нишона 2. *анат.* узви изофӣ; **мозгово́й** ~ узви изофи мағзи сар

прида́точн||ый, -ая, -ое барилова, изофӣ ◊ ~**ое предложе́ние** *грам.* ҷумлаи пайрав

прида́ть *сов.* 1. *кого-что* барилова (баризофа) додан, илова (ҳамроҳ) кардан; ~ **в по́мощь бригаде трёх челове́к** ба ёрии бригада се кас додан // *что, чего* афзудан, зиёд кардан, бахшидан; **отча́яние прида́ло ей реши́мости** навмедӣ қатъияти уро зиёд кард, навмедӣ ба у ҷасорат бахшид; ~ **си́лы** қувватро зиёд кардан, қавӣ кардан; ~ **уве́ренности** дилпур гардондан, эътимод афзудан; ~ **ду́ху** рӯҳбаланд кардан, рӯҳ бахшидан 2. *что (какое-л. свойство, качество и т. п.)* додан, кардан, гардондан, бахшидан; ~ **вкус** хуштаъм (бамаза, болаззат) кардан, гуворо кардан; ~ **блеск** тобиш (ҷило) додан // *(форму, внешний вид и т. п.)* даровардан, ороиш додан; ~ **ну́жную фо́рму** ба шакли лозима даровардан 3. *что чему (смысл и т. п.)* додан; **я не прида́л его́ слова́м никако́го значе́ния** ман ба суханони ӯ эътиборе надодам

прида́ч||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **прида́ть** 1) барилова додан(и) 2. *(прибавка)* илова, изофа ◊ в ~**у** ба тариқи илова, барилова, ба замми он

придвига́ть *несов. см.* **придви́нуть**

придвига́ться *несов.* 1. *см.* **придви́нуться;** 2. *страд.* пеш оварда шудан

придви́нуть *сов. что* 1. тела дода наздик кардан (овардан), кашида наздик кардан, пеш овардан; ~ **шкаф к стене́** шкафро кашида ба девор наздик кардан; ~ **к себе́ таре́лку** тақсимичаро ба пеши худ кашидан 2. *перен.* наздик кардан, пеш овардан; ~ **срок исполне́ния рабо́ты** муҳлати иҷрои кореро наздик овардан

придви́ну||ться *сов.* 1. наздик шудан, пеш омадан; ~**ться к огню́** ба оташ наздик шудан 2. наздик шудан (омадан), қариб расидан; **сро́ки оконча́ния рабо́т** ~**лись** муҳлати анҷоми корҳо наздик омад

придво́рный, -ая, -ое 1. дарборӣ, ...и дарбор; хосса, ...и саройӣ; ~ **поэ́т** шоири дарбор 2. *в знач. сущ.* **придво́рный** *м*, **придво́рная** *ж* дарборӣ, аз аҳли дарбор

приде́л *м* 1. *уст.* бинои иловагӣ, бинои ҳампаҳлу 2. *церк.* меҳроби паҳлуи калисо

приде́лать *сов. что к чему* маҳкам (пайваст, васл) кардан, шинондан; ~ **дверь к сара́ю** ба хезумхона дар шинондан; ~ **кры́шку к я́щику** ба қуттӣ сарпуш сохтан // *что (пристроить)* дар шафат сохтан, сохта ҳамроҳ кардан; ~ **крыле́чко** зинапояча сохта ҳамроҳ кардан

приде́латься *сов. к чему* маҳкам (пайваст, пайванд, васл) шудан

приде́лка *ж (по знач. гл.* **приде́лать** 1) *разг.* маҳкам (пайваст, васл) кардан(и)

приде́лывание *с см.* **приде́лка**

приде́лывать *несов. см.* **приде́лать**

приде́лываться *несов.* 1. *см.* **приде́латься;** 2. *страд.* васл карда шудан

приде́льный, -ая, -ое *церк.* ...и меҳроби паҳлуи калисо

придержа́ть *сов.* 1. *кого-что* нигоҳ доштан, даст гирифтан, доштан; ~ **дверь** дарро даст гирифтан (дошта истодан) // *(приостановить)* боздоштан, нигоҳ доштан; ~ **ло́шадь** аспро боздоштан 2. *что разг.* харҷ накарда нигоҳ доштан; ~ **де́ньги до о́тпуска** пулро то отпуск нигоҳ доштан ◊ ~ **язы́к** лаб фуру бастан, забон дарҳам кашидан

приде́рживание *с (по знач. гл.* **придержа́ть**) нигоҳ доштан(и), даст гирифтан(и), боздоштан(и); *(по знач. гл.* **приде́рживаться** 1, 3) доштан(и); тарафдор будан(и), риоя кардан(и)

приде́рживать *несов. см.* **придержа́ть**

приде́рживаться *несов.* 1. *за что* доштан, дошта истодан, даст гирифтан; ~ **за пери́ла** панҷараро дошта истодан 2. *чего* назди... будан, аз назди... рафтан, аз самти... рафтан; ~ **ле́вой стороны́ у́лицы** аз самти чапи куча рафтан 3. *чего* тарафдор будан, риоя кардан; ~ **осо́бого мне́ния** фикри алоҳида доштан; ~ **сове́тов дру́га** аз рӯи маслиҳати дӯст амал кардан; ~ **те́мы** мавзӯъро риоя кардан

приди́ра *м, ж разг.* хурдагир, айбҷӯй, майдагап, нуктачин

придира́ться *несов. см.* **придра́ться;** ~ **к ка́ждому сло́ву** ба ҳар сухан хурдагирӣ кардан

приди́рк||а *ж* хурдагирӣ, айбҷӯӣ; **пусты́е** ~**и** майдагапӣ

приди́рчиво *нареч.* хурдагирона, айбҷӯёна, нуктачинона; ~ **следи́ть за поря́дком** тартибро хурдагирона назорат кардан

приди́рчивость *ж* хурдагирӣ, айбҷӯӣ, майдагапӣ, нуктачинӣ

приди́рчивый -ая, -ое (приди́рчив, -а, -о) хурдагир(она), айбҷӯй, майдагап, нуктачин; ~ **хара́ктер** хислати айбҷӯӣ; ~ **кри́тик** мунаққиди нуктачин

придомо́вый, -ая, -ое ...и назди хона; ~ **уча́сток** майдони назди хона

придо́нн||ый, -ая, -ое ...и қаъри об, зериобӣ; ~**ые ка́мни** сангҳои зериобӣ; ~**ые во́ды** обҳои қаъри уқёнус *(қабати оби уқёнус, ки аз 1000 м чуқуртар бошад)*

придоро́жн||ый, -ая, -ое ...и сари роҳ, ...и болои роҳ, ...и самти роҳ; ~**ые столбы́** сутунҳои қад-қади роҳ; ~**ая чайхана́** чойхонаи сари роҳ

придра́ться *сов. к кому-чему* хурдагирӣ (нуктачинӣ) кардан, айбҷӯӣ (майдагапӣ) кардан; ~ **к пустяку́** ба [ҳар] майда-чуйда хурдагирӣ кардан; **он так и ищет слу́чая** ~ **ко мне** бо ҳар баҳона ба ман хурдагирӣ кардани мешавад; ~ **к слу́чаю** баҳонае ёфта айбҷӯӣ кардан

приду́манный, -ая, -ое 1. *прич.* фикр карда ёфташуда 2. *прил.* хаёлӣ, бофта, сохта, сунъӣ; ~ **конфли́кт** низои сунъӣ

приду́ма||ть *сов.* 1. *что и с неопр.* фикр карда ёфтан, хаёл карда бароварда, ихтироъ (эҷод) кардан; **не** ~**ю, что сказа́ть** ақлам намеояд, ки чӣ гӯям; **э́то непло́хо** ~**но!** инро нағз фикр карда ёфтааст!, инро нағз дарьёфтааст! // *(догадаться)* пай бурдан, ёфтан, фаҳмидан, дарк кардан 2. *что (сочинить)* бофтан, сохтан; ~**ть отгово́рку** фикр карда баҳона ёфтан

приду́маться *сов. разг.* ба хаёл (ба ёд) омадан, ба сар омадан, пайдо шудан *(оид ба фикр ва ғ.)*

приду́мка *ж разг.* хаёли бофта

приду́мщик *м разг.* хаёлӣ, хаёлпараст

приду́мщица *женск. к* **приду́мщик**

приду́мывание *с (по знач. гл.* **приду́мать**) фикр карда ёфтан(и); бофтан(и), сохтан(и)

приду́мывать *несов. см.* **приду́мать**

приду́мываться *несов.* 1. *см.* **приду́маться;** 2. *страд.* фикр карда ёфта шудан

приду́риваться *несов. прост.* худро ба нодонӣ (нофаҳмӣ) задан

придурковатость *ж разг.* аблаҳнамо (аҳмақнамо) будан(и)

придуркова́тый, -ая, -ое (придуркова́т, -а, -о) *разг.* аблаҳнамо, аҳмақнамо, соддалавҳ // *(с норовом — о лошади)* бадфеъл, бадху *(оид ба асп)*

при́дурь *ж разг.:* с ~**ю** 1) *(глуповатый)* аблаҳнамо, аҳмақнамо, гӯлнамо 2) *(с причудами)* аҷибхӯ, аҷоибфеъл 3) *(с норовом — о лошади)* бадфеъл, бадху *(оид ба асп)*

приду́шенный, -ая, -ое 1. *прич.* хафа кардашуда 2. *прил. (о голосе)* хаста, гирифта, паст, хиррӣ

придуши́ть *сов. кого разг.* хафа (буғӣ) кардан

придыха́ние *с* нафас, дам; канда-канда (зуд-зуд) нафас кашидан(и); **говори́ть с лёгким** ~**м** канда-канда нафас гирифта гап задан

придыха́тельный, -ая, -ое *лингв.* нафасӣ, ҳалқӣ; ~ **согласный** ҳамсадои ҳалқӣ

приеда́ться *несов. см.* **прие́сться**

прие́зд *м (по знач. гл.* **прие́хать**) омадан(и), расидан(и), ворид шудан(и); **зайди́те к нам по** ~**е** омадан замон (баробари омадатон, ҳамин ки омадед) як ба хонаи мо дароед; **в э́тот** ~ **он мно́го сде́лал** дар ин дафъа омаданаш кори бисёреро анҷом дод ◊ **с** ~**ом!** зиёрат қабул!, сафар муборак!, мондаҳои сафар!

приезжа́ть *несов. см.* **прие́хать**

приезжа́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* омадашуда 2. *в знач. сущ.* **приезжа́ющий** *м*, **приезжа́ющая** *ж* мусофир; **ко́мната для** ~**их** хонаи мусофирон

прие́зж||ий, -ая, -ее 1. омада, мусофир, аз берун омада, меҳмон, ғариб 2. *в знач. сущ.* **прие́зжий** *м*, **прие́зжая** *ж*

мусофир; ~**ие разместились в гостинице** мусофирон дар меҳмонхона ҷой гирифтанд

приём *м* 1. (*познач. гл.* **принять** 1—3, 6, 10) гирифтан(и), қабул кардан(и), даровардан(и); хӯрдан(и), нӯшидан(и); ~ **заявлений** қабули аризаҳо; ~ **в профсоюз** ба узвияти иттифоқи касаба қабул кардан; ~ **пищи** хӯрдани хурок; ~ **лекарства** хӯрдани дору; ~ **больных** қабули беморон; ~ **гостей** меҳмондорӣ, истиқбол кардани меҳмонон 2. *офиц.* мулоқоти расмӣ, маҷлиси қабул (зиёфат), зиёфат; ~ **в посольстве** маҷлиси қабул дар сафоратхона; **устроить** ~ зиёфат оростан 3. (*встреча*) мулоқот, пазирой, истиқбол; **оказать тёплый** ~ самимона пазирой кардан 4. *в сочет. с числ. и колич. словами* мартаба, маротиба, дафъа, бор, карат // *в сочет. с числ. «один»* ба як нишаст, бо як сар кардан; **он в один** ~ **прочёл всю книгу** ӯ китобро ба як нишаст хонда фуровард // (*о лекарстве*) воя, як хурдани, меъёр; **лекарства осталось на два** ~**а** дору ду воя (меъёр) монд 5. (*способ*) усул, услуб, равиш, тарз, тариқа, роҳ; ~**ы борьбы** усулҳои мубориза; **искусный** ~ тарзи моҳирона; **жульнический** ~ усули фиребгарона; **обычный** ~ тарзи маъмул; **художественный** ~ услуби (тарзи) тасвири бадей // (*упражнение*) машқ, усул, тариқа; **ружейные** ~**ы** усулҳои милтиқпаррони 6. *чаще мн.* **приёмы** *уст.* (*манеры*) тарзи рафтор, рафтору кирдор, шинухез

приёмка *ж* (*по знач. гл.* **принять** 2) қабул, қабул кардан(и)

приемлемость *ж* маъқул (ҷоиз) будан(и), қобили қабул будан(и)

приемлем||ый, -ая, -ое (приемлем, -а, -о) маъқул, ҷоиз, қабулшаванда, қобили қабул; ~**ое предложение** таклифи маъқул

приёмник *м* 1. *радио* приёмник 2. қабулгоҳ; **детский** ~ қабулгоҳи бачагон

приёмн||ый, -ая, -ое 1. ...и қабул, қабулкунанда; ~**ая антенна** антеннаи қабулкунанда; ~**ая радиостанция** радиостанцияи қабулкунанда; ~**ая комната** қабулгоҳ, хонаи қабул; ~**ый покой** қабулгоҳи (хонаи қабули) беморон; ~**ые часы** вақту соати қабул; ~**ая комиссия** комиссияи қабул; ~**ые экзамены** имтиҳонҳои қабул 2. *в знач. сущ.* **приёмная** *ж* қабулгоҳ, хонаи қабул, хонаи пазирой (*барои қабул ё ба навбат интизор шудан*) ◇ ~**ый отец** падархонд, падарандар; ~**ая мать** модархонд, модарандар; ~**ый сын** писархонд, писарандар; ~**ая дочь** духтархонд, духтарандар

приёмочный, -ая, -ое ...и қабул; ~ **акт** акти қабул

приёмщик *м* қабулкунанда; ~ **зерна** қабулкунандаи ғалла, ғаллақабулкунанда

приёмщица *женск. к* **приёмщик**

приёмыш *м разг.* фарзанди савобӣ; писархонд; духтархонд

прие||сться *сов. прям., перен.* ба дил задан, дилбазан шудан, безор шудан, рағбат гаштан; **больному** ~**лась рыба** бемор ба моҳӣ дигар рағбат надорад; моҳӣ ба дили бемор зад

приехать *сов.* омадан, расидан, омада расидан, ворид шудан

прижать *сов. кого-что* 1. зер (пахш) кардан, фушурдан, фишор додан, сиққондан, тазьиқ кардан; ~ **крышку чемодана** сарпуши ҷамадонро пахш кардан 2. кашидан, гузоштан; оғӯш кардан; ~ **кого-л. к своей груди** касеро ба сари синаи худ кашидан, касеро оғӯш кардан; ~ **руку к сердцу** даст ба дил гузоштан (фушурдан) 3. фишор оварда ақиб рондан (андохтан), ақиб партофтан; ~ **противника к реке** душманро ақиб партофта ба лаби дарьё рондан 4. *перен. разг.* зулм (ситам) кардан, ба танг овардан, ба ҷон расондан 5. фош (ифшо) кардан, ба даст афтондан ◇ ~ **к стене (стенке)** *кого прост.* маҷбур кардан

прижа||ться *сов. к кому-чему* ҷафс шудан, худро ҷафс (зич) кардан, часпидан, такья кардан, паҳлу задан; **ребёнок** ~**лся к матери** кӯдак ба модараш часпид

прижечь *сов. что* 1. *разг.* сӯзондан, доғ кардан; ~ **палец утюгом** бо уттӣ ангуштро сӯзондан 2. *прост.* пухта сӯзондан, пухта ҷинҷак кардан; ~ **хлеб в печи** пуштаки нонро сӯзондан, нонро дар танур бисьёр монда сӯзондан 3. дору молида сузондан; ~ **рану йодом** яраро йод молида сузондан

приживаемость *ж* қобилияти пайванд гирифтан, қобилияти реша бастан (давондан), қобилияти сабзидан (рӯидан)

приживал *м уст. см.* **приживальщик**

приживалка *женск. к* **приживальщик**

приживальщик *м* 1. *уст.* резахӯр (*марди камбағал, ки дар хонадони ягон мулкдор ё савдогар ба ҳисоби соҳиби ин хонадон зиндагӣ мекарду ягон машғулияти муайян надошт*) 2. *перен. презр.* туфайлихур, муфтхур

приживать *несов. см.* **прижить**

приживаться *несов.* 1. *см.* **прижиться**; 2. *страд.* беникоҳ зоида шудан

прижививть *сов. что* пайванд гирондан, пайванд (пайваст, васл) кунондан; ~ **пересаживаемую ткань** бофтаи буридa шинондашударо пайванд гирондан

прижививться *сов.* пайванд гирифтан, пайванд (пайваст, васл) шудан

приживление *с* (*по знач. гл.* **прижививть**) пайванд гирондан(и), пайваст (васл) кунондан(и); (*по знач. гл.* **прижививться**) пайванд (пайваст, васл) шудан(и); ~ **тканей** пайванд шудани бофтаҳо

приживлять *несов. см.* **прижививть**

приживляться *несов.* 1. *см.* **прижививться**; 2. *страд.* пайванд кунонда шудан

прижигание *с* (*по знач. гл.* **прижечь**) дору молида сӯзондан(и); ~ **раны йодом** йод молида сузондани ҷароҳат

прижигать *несов. см.* **прижечь**

прижигаться *несов. страд.* дору молида сӯзонда шудан

прижигающ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* сӯзонанда; ~**ие средства** *мед.* доруҳои сӯзонанда, доруҳои хушккунанда

прижизненн||ый, -ая, -ое ...и дар вақти зинда буданн касе, ...и ҳангоми барҳаёт будани шахсе; ~**ые издания писателя** асарҳои дар вақти зинда будани нависанда нашршуда

прижим *м* 1. *разг. см.* **прижимание**; 2. *тех.* асбоби фишор, исканҷа, мангана

прижимание *с* (*по знач. гл.* **прижать**) зер (пахш) кардан(и), фишор, тазьиқ

прижимать *несов. см.* **прижать**

прижиматься *несов.* 1. *см.* **прижаться**; 2. *страд.* зер (пахш) карда шудан

прижимистость *ж разг.* мумсикӣ, хасисӣ, тангназарӣ, тангчашмӣ

прижимистый, -ая, -ое (прижимист, -а, -о) *разг.* мумсик, хасис, тангназар, тангчашм, тангдаст

прижимный, -ая, -ое *тех.* фишоркунанда, ...и фишор, ...и пахшкуни

прижить *сов. кого прост.* беникоҳ зоидан

прижиться *сов.* 1. омӯхта шудан, одат кардан, хӯ (унс) гирифтан; ~ **на новом месте** ба ҷои нав хӯ гирифтан 2. *сад., лес.* гирифтан, реша бастан (давондан)

приз I *м* мукофот, инъом, сарупой (*дар мусобиқа*); **получить** ~ мукофот гирифтан; **взять первый** ~ мукофоти якум гирифтан

приз II *м мор.* ғанимат (*киштии душман ё молу амволи дигаре, ки дар ҷанги баҳрӣ ғанимат гирифта шудааст ва аз рӯи ҳуқуқи байналхалқӣ аз они тарафи ғолиб мешавад*)

призадуматься *сов.* ба андеша афтодан, фикр кардан, ба фикр (ба хаёл) фурӯ рафтан

призадумываться *несов. см.* **призадуматься**

призанять *сов. что, чего разг.* андак қарз гирифтан (кардан); ~ **денег** андак пул қарз кардан (гирифтан)

призвани||е *с* 1. майл, орзу, рағбат, шавқ, ҳавас; қобилият, истеъдод; **чувствовать** ~**е к музыке** ба мусиқӣ майл доштан; **он художник по** ~**ю** ӯ табиатан рассом аст 2. вазифа, мавқеъ, мақом, тақдир, насиба, қисмат; **высокое** ~**е артиста** вазифаи олиҷанобонаи артист

призвать *сов. кого-что* 1. даъват кардан, ҷеғ задан, садо кардан, талабидан; ~ **на помощь** ба ёрӣ ҷеғ задан (даъват кардан); ~ **в свидетели** ба шоҳидӣ ҷеғ задан; ~ **на военную службу** ба хизмати ҳарбӣ даъват кардан // ба хизмати ҳарбӣ даъват кардан; **его призовут в будущем году** уро соли оянда ба хизмати ҳарбӣ даъват мекунанд 2. *к чему* овардан, талаб (дархост) кардан, даъват кардан; ~ **к порядку** риоя кардани тартиброталаб кардан; ~ **к спокойствию** ба ором шавӣ даъват кардан 3. *на кого-что уст.* хондан, кардан; ~ **проклятия на чью-л. голову** ба сари касе лаънат овардан, бар касе лаънат хондан (кардан)

призвук *м* садои ҷуршаванда

приземистость *ж* кадпастӣ, пакан агӣ

приземистый, -ая, -ое (приземист, -а, -о) пакана, калтаи ғалча; ~ **парень** чавони пакана // пастак; хурд; ~ **домик** хоначаи пастак

приземление *с* (*по знач. гл.* **приземлить**) ба замин фуровардан(и), ба замин шинондан(и); (*по знач. гл.* **приземлиться**) ба замин фуромадан(и), фуруд омадан(и); ~ **самолёта** фуруд омадани самолёт

приземлить *сов. что ав., спорт.* ба замин фуровардан, фуруд овардан, ба замин шиюндан

приземлиться *сов. ав., спорт.* ба замин фуромадан, ба замин фуромада нишастан, фуруд омадан

приземлять(ся) *несов. см.* **приземлить(ся)**

приземный, -ая, -ое наздизаминӣ, рӯизаминӣ; ~ **слой воздуха** ҳавои наздизаминӣ

призёр *м* мукофотгирифта, дорандаи мукофот (*дар мусобиқа*); ~ **Олимпийских игр** дорандаи мукофоти мусобиқаи Олимпӣ

призёрша *разг. женск. к* **призёр**

призирать *несов. см.* **призреть**

призм||а *ж мат., физ.* призма; **прямая** ~**а** *мат.* призмаи рост; **наклонная** ~**а** *мат.* призмаи моил ◇ **сквозь (через)** ~**у** *чего* **смотреть (наблюдать)** аз нуктаи назари ... нигоҳ кардан, аз лиҳози ... назар афкандан

призматическ||ий, -ая, -ое 1. *мат., физ.* призмавӣ, призмашакл; ~**ое тело** ҷисми призма 2. *физ.* призмавӣ (бо призма) ҳосилшуда; ~**ий спектр** спектри призмавӣ 3. призмавӣ; ~**ий бинокль** дурбини призмавӣ

призна||вать *несов.* 1. *см.* **признать;** 2. *кого-что* эътироф кардан, муътабар донистан, ба эътибор гирифтан, писанд кардан; **он никого не** ~**ёт** ӯ ҳеҷ касро ба эътибор намегирад (писанд намекунад)

признаваться *несов.* 1. *см.* **признаться;** 2. *страд.* тасдиқ карда шудан ◇ **признаюсь** *в знач. вводн. сл.* росташро (рӯйрост) гӯям, ба ростӣ, рости гап ҳамин ки...

признак *м* аломат, нишона, асар, осор, ишора; **раненый не подавал** ~**ов жизни** маҷруҳ нишонаи зиндагӣ зоҳир намекард; **служить** ~**ом** *чего-л.* аломати (нишонаи) чизе будан; ~**и делимости** *мат.* аломатҳои тақсимшавӣ

признание *с* 1. (*по знач. гл.* **признать** 2, 3) шинохтан(и), эътироф кардан(и), тасдиқ кардан(и); (*по знач. гл.* **признаться**) иқрор шудан(и); ~ **чьих-л. прав** шинохтани ҳуқуқи касе; ~ **ошибочности своих взглядов** эътироф кардани нодурустии ақидаҳои худ; **чистосердечное** ~ иқроршавии самимона; ~ **в любви** изҳори муҳаббат 2. (*слова*) иқрор, эътироф; **выслушать чьё-л.** ~ иқрори касеро шунидан 3. эътироф, эътибор, эҳтиром; **заслужить всеобщее** ~ сазовори эътирофи умум шудан

признанный, -ая, -ое 1. *прич.* шинохташуда, тасдиқшуда 2. *прил.* муътабар, боэътибор, маъруф, машҳур; ~ **писатель** нависандаи маъруф

признательно *нареч.* миннатдорона, сипосгузорона, мамнунона, шукрона

признательность *ж* миннатдорӣ, сипосгузорӣ, мамнунӣ, шукргузорӣ, ташаккур; **с глубокой** ~**ю** бо сипосгузории тамом; **выразить** ~ **кому-л.** ба касе изҳори миннатдорӣ кардан

признательный, -ая, -ое (признате|лен, -льна, -льно) миннатдор(она), сипосгузор(она), мамнун(она), муташаккир(она); **я вам очень признателен за помощь** ман аз шумо барои мададгориятон бисьёр миннатдорам; ~ **взгляд** нигоҳи мамнунона

призна||ть *сов.* 1. *кого-что разг.* шинохтан, донистан; **я** ~**л в нём своего старого товарища** ман ӯро дида шинохтам, ки рафиқи деринаам будааст 2. *кого-что* шинохтан, эътироф кардан, тасдиқ кардан; ~**ть нейтралитет государства** бетарафии давлатро эътироф кардан 3. *что* иқрор кардан, рози шудан, қабул кардан, эътироф кардан, ба гардан гирифтан; ~**ть свою ошибку** ба хатои худ иқрор шудан, хатои худро ба гардан гирифтан; ~**ть чью-л. правоту** ҳақ будани касеро эътироф кардан; ~**ть доводы оппонента** далелҳои оппонентро қабул кардан // *кого-что* (*счесть*) донистан, шумурдан, ҳисоб кардан; ~**ть виновным** айбдор донистан; ~**ть необходимым** зарур донистан (шумурдан)

признаться *сов. кому-чему в чём* иқрор шудан, эътироф кардан, ба гардан гирифтан; ~ **в своей вине** ба гуноҳи худ иқрор шудан, гуноҳи худро ба гардан гирифтан; ~ **в любви** изҳори муҳаббат кардан ◇ ~, **признаюсь,** ~ **сказать** *в знач. вводн. сл.* ростаршро (рӯйрост) гуям, ба ростӣ, рости гап ҳамин ки...; ~, **я тогда испугался** рости гап, ман он вақт тарсида будам

призов||ой I, -ая, -ое мукофотӣ, инъомӣ, мукофотдор; **первое** ~**ое место** ҷои якуми мукофотдор

призов||ой II, -ая, -ое *мор.* ...и ғанимат; ~**ое судно** киштии ғанимат (*ҳамчун ғанимати ҷанг гирифташуда*)

призор *м*: **без** ~**а** *разг.* беназорат, бепарастор, бесоҳиб; **ребёнок остался без** ~**а** бача бепарастор мондааст

призрак *м* 1. (*привидение*) шабаҳ, руҳ, тимсол 2. (*грёзы и т. п.*) хаёл, хаёлот, хаёли хом, руъё

призрачность *ж* хаёли будан(и), ботил (пурфиреб) будан(и)

призрачн||ый, -ая, -ое (призрач|ен, -на, -но) 1. шабаҳӣ, тимсолӣ; ~**ые видения** ашбоҳ, хаёлот 2. (*мнимый*) хаёлӣ, ботил, пурфиреб, тасаввурӣ, мавҳум; ~**ая опасность** хатари хаёлӣ 3. (*неясный, зыбкий*) иоравшан, хира, тира

призревать *несов. см.* **призреть**

призрение *с* (*по знач. гл.* **призреть**) сарпарастӣ, ғамхорӣ

призреть *сов. кого-что уст.* сарпарастӣ (ғамхорӣ) кардан

призыв *м* 1. (*по знач. гл.* **призвать** 1) даъват, ҷеғзанӣ; ~ **на военную службу** даъват ба хизмати ҳарбӣ 2. (*просьба, мольба*) илтимос, илтиҷо, талаб, хоҳиш, зорию тавалло; **откликнуться на чей-л.** ~ ба илтиҷои касе ҷавоб додан 3. (*обращение*) даъват, хитоб(а), исрор, муроҷиат; шиор; **первомайские** ~**ы** хитобаҳои ба муносибати иди Якуми Май 4. *собир. воен.* даъватшудагон (*касони синну соли муайян, ки дар як вақт ба хизмати ҳарбӣ даъват шудаанд*) ◇ **Ленинский** ~ Даъвати Ленинӣ

призывать *несов. см.* **призвать**

призываться *несов.* 1. ба хизмати ҳарбӣ даъват шудан 2. *страд.* ҷеғ зада шудан

призывник *м* даъватшуда (*касе, ки ба хизмати ҳарбӣ даъват мешавад*)

призывной, -ая, -ое ...и даъвати ҳарбӣ; ~ **пункт** маҳалли даъвати ҳарбӣ; ~ **возраст** синну соли даъвати ҳарбӣ

призывный, -ая, -ое даъвати, ...и даъват, ...и ҷеғзанӣ; ~ **клич** бонги (садои) даъват

прииск *м* кон, маъдаи (*асосан ҷои ҳосил кардани маъданиёти қиматбаҳо*)

прискание *с* (*по знач. гл.* **приискать**) ҷустуҷӯ, кофтуков

приискатель *м* коркуни (коргари) кони тилло, заршӯй

приискать *сов. кого-что разг.* ҷуста-ҷуста ёфтан

приискаться *сов. прост.* ёфт шудан, пайдо шудан, дарьёфт шудан

приисков||ый, -ая, -ое ...и кони тилло; ~**ые рабочие** коргарони кони тилло, коргарони заршӯй

прийти *сов.* 1. омадан, расидан, даромадан, ворид шудан, дохил шудан; **он пришёл домой** ӯ ба хона омад 2. (*наступить*) омадан, расидан, фаро расидан, шудан; **пришла весна** баҳор омад (шуд); **пришла пора уезжать домой** вақти ба хона рафтан расид 3. (*возникнуть*) омадан, расидан; ~ **на ум** ба фикр расидан, ба хаёл омадан; ~ **на память** ба ёд (ба хотир) омадан; **мне в голову пришла мысль...** фикре ба сарам омад..., ба фикрам омад... 4. *во что в сочет. с предлогом и сущ.:* ~ **в [дикий] восторг** ба ваҷд омадан, бениҳоят шод шудан, бениҳоят ба завқ омадан; ~ **в изумление** ба ҳайрат афтодан, ҳайрон шудан, дар таааҷҷуб мондан; ~ **в ярость** ба ғазаб омадан, хашмгин шудан; ~ **в ветхость** кӯҳна (фарсуда) шудан; ~ **в упадок** таназзул (завол) ёфтан, хароб шудан 5. *к чему* (*достигнуть*) омадан, ҳосил кардан; ~ **к заключению** ба хулоса омадан, хулоса баровардан; ~ **к мысли** ба ягон фикр омадан; ~ **к убеждению** ба ақидае омадан; ~ **к соглашению** созиш (мувофиқат) ҳосил кардан ◇ ~ **в движение** ба ҳаракат омадан (даромадан), ба ҷунбиш омадан; ~ **в себя (в сознание, в чувство)** ба худ (ба ҳуш) омадан; ~ **к шапочному разбору** дар фуровардани кор ҳозир шудан; ~ **на помощь** дасти ёрӣ дароз кардан, ба мадад расидан, ёрӣ расондан

прийтись *сов.* 1. муносиб (мувофиқ, мос) омадан, лоиқ омадан, чоқ омадан; **сапоги́ пришли́сь мне впо́ру** муза ба пои ман чоқ омад 2. *(совпасть)* рост (мувофиқ, мос) омадан, тасодуф омадан; **деся́тое ию́ня пришло́сь на сре́ду** даҳуми июнь ба рӯзи чоршанбе рост (мос) омад 3. *безл. с неопр.* зарур (даркор, лозим) шудан, маҷбур шудан, воҷиб омадан, лозим омадан; **придётся ночева́ть в лесу́** шаб(она) дар ҷангал хоб кардан лозим меояд; **мне пришло́сь туда́ поехать** ман маҷбур шудам, ки ба он ҷо равам // *кому (выпасть на долю)* воқеъ шудан, рост омадан, мутобиқ омадан, тасодуф афтидан; **вот при каки́х обстоя́тельствах пришло́сь нам встре́титься** ана дар чӣ вазъият бо ҳам во хӯрдани мо тасодуф афтид (рост омад); 4. *безл. (достаться)* расидан, лозим (дуруст) омадан; **на ка́ждую ло́дку пришло́сь по де́сять челове́к** ба ҳар қаиқ даҳ кас расид ◇ ~ **кста́ти** ба мавқеъ шудан, муносиби маврид омадан (шудан); ~ **ко двору́** писанд омадан, муддаои дил (табъ) будан; ~ **не ко двору́** писанд наомадан, муддаои дил (табъ) набудан; ~ *кому* **по вку́су (по́ сердцу, по ира́ву, по душе́)** маъқул шудан (омадан), форидан, писанд шудан, ба табъ (ба дил) нишастан (форидан); **к сло́ву** ~ дар омади гап (зимнан) ба хотир омадан, дар омади гап (зимнан) гуфтан, дар мавридаш гуфтан; **со́лоно пришло́сь** *кому* душвор (сахт, вазнин) шуд; **где придётся** куҷое, ки рост ояд, куҷое, ки бошад; **как придётся** чӣ тавре ки рост ояд, чӣ тавре ки бошад; **когда́ придётся** кай ки бошад, кай ки рост ояд, кадом вақте ки бошад; **что придётся** чизе ки рост ояд, ҳар чи ки ба даст дарояд

прика́з *м* 1. амр, фармон, ҳукм; **отда́ть** ~ фармон додан; **провести́ назначе́ние** ~**ом** бо фармон таъин кардан, ба воситаи фармон амалӣ кардан 2. *ист.* сафорат *(идорае, ки дар давлати Россия аз асри 16 то аввали асри 18 соҳаи алоҳидаи ҳокимияти давлатиро роҳбарӣ мекард)*; **посо́льский** ~ сафорати Россия

приказа́ние *с* фармоиш, амр, ҳукм, фармон; **вы́полнить** ~ фармоишро иҷро кардан

приказа́ть *сов.* 1. *кому-чему с неопр.* амр кардан, фармон додан, ҳукм кардан, фармудан, фармоиш кардан 2. *кого-что уст. (поручить)* супурдан, ба васояти (ба ҳимояти) касе додан // *(завещать)* васият кардан 3. *2 л. буд.* **прика́жешь** *(прика́жете) разг.* мефармоӣ (мефармоед), ҳукм мекунӣ (мекунед), мегуӣ (мегӯед); **что прика́жете де́лать?** чӣ кор кардан мефармоед?, бояд чӣ кор мекардам?, чӣ илоҷ доштам?; **как прика́жешь тебя́ понима́ть?** гапи шуморо чӣ хел фаҳмам? ◇ ~ **до́лго жить** аз олам гузаштан; **как прика́жете** *уст.* ҳар чӣ ки фармоед (ҳукм кунед, гӯед), ҳар чӣ ки дилатон хоҳад; **что прика́жете?** *уст.* чӣ мефармоед?, дилатон чӣ мехоҳад?, лаббай?, хизмат?

прика́зн||ый, -ая, -ое 1. ...и амр, ...и фармон 2. *ист.* ...и приказ, ...и девон; ~**ая слу́жба** хизмати приказ; ~**ый люд** мардуми (ходимони) приказ (девон) // *в знач. сущ.* **прика́зный** *м* мансабдори приказ (девон) 3. *уст. (канцелярский)* амалдорона, ...и тура, ...и тӯрачигӣ; ~**ый стиль** услуби амалдорона // *в знач. сущ.* **прика́зный** *м* амалдори (мансабдори) хурд ◇ ~**ая строка́**, ~**ый крючо́к** *уст.* мирзобинавис, мирзонуқатӣ

прика́зчик *м уст.* 1. фурӯшгор, фурӯшанда, молфурӯш 2. хизматгузори мулк, мудири хоҷагии амлокдор

прика́зчица *ж* 1. *женск. к* **прика́зчик** 1; 2. *уст. (жена приказчика)* зани молфуруш

прика́зчичий, -ья, -ье *уст.* ...и фурӯшгор, ...и фурӯшанда, ...и молфуруш; ...и мудири хоҷагии амлокдор

прика́зывать *несов. см.* **приказа́ть** 1, 2

прика́лывание *с (по знач. гл.* **приколо́ть** 1) сузанзанӣ, бо сарсӯзан халонда мондан(и), бо сарсӯзан маҳкам кардан(и)

прика́лывать *несов. см.* **приколо́ть**

прика́лываться *несов.* 1. *см.* **приколо́ться**; 2. *страд.* бо сарсӯзан маҳкам карда шудан

прика́нчивать *несов. см.* **прико́нчить**

прика́нчиваться *несов.* 1. *см.* **прико́нчиться**; 2. *страд.* тамом карда шудан

прика́пливать *несов. см.* **прикопи́ть**

прика́пывать *несов. см.* **прикопа́ть**

прикарма́нивать *несов. см.* **прикарма́нить**

прикарма́нить *сов. что прост.* ба киса (ба ҷайб) задан, дуздидан, аз они худ кардан, сирқат кардан

прика́рмливание *с (по знач. гл.* **прика́рмливать** 2) барилова хӯрондан(и); *(по знач. гл.* **прика́рмливаться** 2)

прика́рмлива||ть *несов.* 1. *см.* **прикорми́ть**; 2. *кого* барилова хӯрондан, хӯроки иловагӣ додан; **мать** ~**ет грудно́го ребёнка коро́вьим молоко́м** модар ба бачаи ширмакаш барилова шири гов мехӯронад

прика́рмливаться *несов.* 1. *см.* **прикорми́ться**; 2. *разг.* барилова хурдан, ёфта хӯрдан 3. *страд.* барилова хӯронда шудан

прикаса́ние *с книжн. см.* **прикоснове́ние** I

прикаса́ться *несов. см.* **прикосну́ться**

прикати́ть *сов.* 1. *что* ғелонда наздик кардан, ғелонда овардан; ~ **бо́чку** чалакро ғелонда овардан 2. *разг. (приехать)* омада расидан, омадан, расидан *(савора)*

прикати́ться *сов.* ғелида наздик шудан, ғелида (ғелон) омадан

прика́тывать *несов. см.* **прикати́ть**

прика́тываться 1. *см.* **прикати́ться**; 2. *страд.* ғелонда оварда шудан

прикача́ть *сов. что, чего разг.* боз (барилова) кашида андохтан, баризофа кашида рехтан; ~ **воды́ в бо́чку** ба чалак боз об кашида андохтан

прика́чивать I *несов. см.* **прикача́ть**

прика́чивать II *несов. см.* **прикачну́ть**

прикачну́ть *сов. кого-что разг.* ҷунбонда наздик кардан

прикачну́ться *сов. разг.* ҷунбида наздик шудан

прики́дка *ж (по знач. гл.* **прики́нуть**) тахмин кардан(и)

прики́дывать *несов. см.* **прики́нуть**

прики́дываться *несов.* 1. *см.* **прики́нуться**; 2. *страд.* барилова партофта шудан

прики́нуть *сов. разг.* 1. *что, чего* боз (барилова) партофтан (андохтан), партофта илова кардан; ~ **дров в пе́чку** ба печка боз ҳезум партофтан // *(набавить)* [боз] зиёд додан, афзудан, илова кардан; ~ **рубль** як сӯм зиёд додан 2. *что и без доп. (примерить)* андоза (муқоиса) карда дидан, пушида дидан 3. *что и без доп.* тахмин кардан, чут (хомчут) кардан; ~ **на веса́х** баркашида дидан; ~ **на глазо́к** бо назардид тахмин кардан; ~ **в уме́** дар дил тахмин (ҳисоб) кардан

прики́нуться *сов. кем-чем разг.* худро бардуруғ ба ҳолате андохтан (задан), худро вонамуд кардан (сохтан); ~ **больны́м** худро касал вонамуд кардан; ~ **глухи́м** худро ба карӣ андохтан (задан)

прикипа́ть *несов. см.* **прикипе́ть**

прикипе́ть *сов. разг.* доғҷуш шудан, ҷушида часпидан *(мас., шир ба таги дег)* 2. *перен.* дил (меҳр) бастан

прикла́д *м* 1. қундоқ, пошнаи милтиқ 2. *портн.* астару тугма *(барои либос)* 3. *обл. (приложение)* изофа, илова, замима

прикладн||о́й, -а́я, -о́е амалӣ, таҷрибавӣ, дастӣ; ~**ы́е нау́ки** фанҳои амалӣ; ~**о́е иску́сство** санъати амалӣ

прикла́дывание *с (по знач. гл.* **приложи́ть** 1) ниҳодан(и), гузоштан(и); *(по знач. гл.* **приложи́ться**) наздик шудан(и); часпидан(и)

прикла́дывать *несов. см.* **приложи́ть** 1

прикла́дываться *несов.* 1. *см.* **приложи́ться**; ~ **к рю́мке** арақдӯст будан 2. *страд.* ниҳода шудан, гузошта шудан

прикле́ивание *с (по знач. гл.* **прикле́ить**) бо ширеш (бо елим) часпондан(и); *(по знач. гл.* **прикле́иться**) часпидан(и)

прикле́ивать *несов. см.* **прикле́ить**

прикле́иваться *несов.* 1. *см.* **прикле́иться**; 2. *страд.* бо ширеш (бо елим) часпонда шудан

прикле́ить *сов. что* бо ширеш (бо елим) часпондан, ширеш (елим) кардан

прикле́иться *сов.* часпидан, часпида мондан, сахт часпидан

прикле́йка *ж* 1. *(по знач. гл.* **прикле́ить**) бо ширеш (бо елим) часпондан(и); 2. *разг.* чизи часпондашуда

приклепа́ть *сов. что* парчин (парч) кардан, бо парчин маҳкам кардан, парчин карда часпондан

приклепа́ться *сов.* парчин шудан, бо парчин маҳкам шудан, бо парчин часпидан

приклёпка *ж* 1. *(по знач. гл.* **приклепа́ть**) парчин кардан(и), бо парчин

махкам кардан(и) 2. чизи парчин кардашуда

приклёпывание *с (по знач. гл.* **приклепа́ть)** парчинкунӣ, бо парчин маҳкам кардан(и); *(по знач. гл.* **приклепа́ться)** парчин шудан(и)

приклёпывать *несов. см.* **приклепа́ть**

приклёпываться *несов.* 1. *см.* **приклепа́ться;** 2. *страд.* парчин карда шудан

приклони́ть *сов. что разг.* хам кардан, хамондан, хам (кат) карда наздик овардан; ~ **ве́тку к земле́** шохи дарахтро ба замин хам кардан ◇ **не́где (не́куда) го́лову (головы́)** ~ ҷои сарпанох нест

приклони́ться *сов. разг.* хам шудан, хамидан; ~ **к земле́** ба замин хам шудан, ба замин хамидан

приклоня́ть *несов. см.* **приклони́ть**

приклоня́ться *несов.* 1. *см.* **приклони́ться;** 2. *страд.* хамонда шудан

приключа́ть *несов. см.* **приключи́ть**

приключа́ться I *несов. см.* **приключи́ться**

приключа́ться II *несов. страд.* васл карда шудан

приключе́ни||е *с* ҳодиса, вокеа, саргузашт; моҷаро; ~**е на охо́те** воқеаи шикор; **иска́тель** ~**й** 1) *уст.* сайёҳи ҷойҳои камтаҳқиқшуда; 2) *(авантюрист)* моҷароҷӯй

приключе́нческий, -ая, -ое пур аз саргузаштҳо; пурмоҷаро; ~ **рома́н** романи пурмоҷаро

приключи́ть *сов. что* васл (пайваст) кардан; ~ **про́вод к электросе́ти** симро ба шабакаи электр васл кардан (пайвастан)

приключи́ться *сов. разг.* руй додан, воқеъ шудан, сар задан, ба вуқуъ пайвастан (омадан)

прикова́||ть *сов. кого-что* 1. кӯфта часпондан, куфта васл кардан // побанд (занҷирбанд) кардан, ишкел кардан (задаи) 2. *перен.* афтондан, ғалтондан, хобондан; **болéзнь** ~**ла его́ к посте́ли** касалӣ вайро ба бистар хобонд (афтонд) 3. *перен. (о внимании, взгляде)* кашидан, кашида шудан, ҷалб (ҷазб) шудан; ~**ть к себе́ внима́ние слу́шателей** диққати шунавандагонро ба худ кашидан (ҷалб кардан)

прико́вывать *несов. см.* **прикова́ть**

приковыля́ть *сов. разг.* калавида-калавида (лангон-лангон, лангида-лангида) омадан, чулоқ-чулоқ омадан

прико́кнуть *сов. кого-что груб. прост.* куштан

прико́л *м* яккамех, гулмех *(барои бастани қаиқ, киштӣ ва ғ.)* ◇ **стоя́ть на** ~**е** 1) *мор.* дар бандар истодан; 2) беҳаракат (бекор) истодан, истифода нашуда хобидан

прикола́чивать *несов. см.* **приколоти́ть**

прикола́чиваться *несов.* 1. *см.* **приколоти́ться;** 2. *страд.* зада шудан

приколдова́ть *сов. см.* **приворожи́ть**

приколдо́вывать *несов. см.* **привора́живать**

прико́лка *ж разг.* 1. *см.* **прика́лывание;** 2. сарсӯзан

приколоти́ть *сов. разг.* 1. *что* задан, куфтан, мехкӯб кардан, бо мех маҳкам кардан; ~ **до́ску** тахтаро мехкӯб кардан, тахта задан 2. *кого* задан, дошта задан, зарбу лат кардан

приколоти́ться *сов. разг.* бо мех маҳкам шудан, мехкуб шудан

приколо́ть *сов.* 1. *что* бо сарсӯзан (бо сӯзани бандак) халонда мондан, бо сарсӯзан маҳкам кардан; ~ **бант** бантро бо сарсузан халонда мондан 2. *кого* куштан *(бо ягон чизи нӯгтез)*

приколо́ться *сов. разг.* бо сарсӯзан (бо сӯзани бандак) халонида шудан, бо сарсузан маҳкам шудан

прикомандирова́ние *с (по знач. гл.* **прикомандирова́ть)** фиристодан(и), таъин кардан(и)

прикомандирова́ть *сов. кого-что* фиристодан, таъин кардан *(муваққатан ба ихтиёри касе ё идорае барои иҷрои ягон вазифа ё хизмат)*

прикомандиро́вывать *несов. см.* **прикомандирова́ть**

прико́нчить *сов. разг.* 1. *что* тамом (саранҷом) кардан, ба итмом (ба хатм) расондан, адо кардан, анҷом додан, буд кардан; ~ **все дела́** ҳамаи корҳоро анҷом додан // тамоман харҷ (масруф, сарф) кардан, адо кардан; ~ **запа́сы муки́** захираи ордро тамом кардан 2. *кого* куштан, зада куштан

прико́нчиться *сов. разг.* тамом (хатм) шудан, ба анҷом (ба охир) расидан, саранҷом ёфтан // *(израсходоваться)* харҷ (масруф, сарф) шудан, соф (адо) шудан

прикопа́ть *сов. что сад.* хокпуш кардан, гӯр кардан

прикопи́ть *сов. что, чего разг.* ғундошта мондан, ғун (ҷамъ) кардан, захира (посира) карда мондан, андухтан

прико́рм *м см.* **прико́рмка**

прикорми́ть *сов. кого* бо хӯрок ром кардан, хурок дода одат кунондан, донхурак кардан

прикорми́ться *сов.* бо хӯрок ром шудан, донхӯрак шудан

прико́рмка *ж* 1. *(по знач. гл.* **прикорми́ть)** бо хӯрок ром кардан(и), донхӯрак кардан(и) 2. хӯрок, хуроки иловагӣ

прикорнев||о́й, -а́я, -о́е наздирешагӣ; ~**а́я часть де́рева** қисми наздирешагии дарахт

прикорну́ть *сов. разг.* ба чизе такья карда ноқулай хоб рафтан, ба чизе паҳлу зада пинак рафтан, ғанаб бурдан

прикоснове́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **прикосну́ться)** расидан(и), даст задан(и), даст расондан(и), ламс кардан(и) 2. *книжн. (касательство)* гааллук, муносибат

прикоснове́нность *ж книжн. (причастность)* тааллуқ доштан(и)

прикоснове́нный, -ая, -ое (прикосновен *и* -ен, -на, -но) *уст. книжн. (причастный)* тааллуқдор, мансуб

прикосну́||ться *сов. к кому-чему* даст задан (расондан), даст-даст кардан, ламс кардан, палмосидан // *чаще с отриц.* даст расондан; **он не** ~**лся к еде́** ба хурок даст нарасондааст // *перен. (стать причастным)* алоқадор (дахлдор, тааллуқдор, муносибатдор) шудан; хабардор (воқиф) шудан

прикочева́ть *сов.* кӯчида наздик шудан, куч карда (кучида) омадан

прикра́ивать *несов. см.* **прикрои́ть**

прикра́сить *сов. что* обуранг додан, муболиға (муҳобот) кардан, ба гап ҷома пушондан, рангу равған задан

прикра́||сы *мн. (ед.* **прикра́са** *ж) разг.* обуранг, пардоз, муболиға, муҳобот; **без** ~**с** бе пардоз, бе муболиға

прикра́шивание *с (по знач. гл.* **прикра́сить)** обуранг додан(и), муболиға (муҳобот) кардан(и)

прикра́шивать *несов. см.* **прикра́сить**

прикра́шиваться *несов. страд.* обуранг дода шудан

прикрепи́тельный, -ая, -ое ...и таҳким, ...и вобастакунӣ, ...и пайвасткунӣ; ~ **тало́н** талони вобастакунӣ

прикрепи́ть *сов.* 1. *что* мустаҳкам (маҳкам, устувор, банд) кардан, бастан, часпондан; ~ **объявле́ние к стене́** эълонро ба девор часпондан 2. *кого-что* ба ихтиёри *касе, чизе* додан, вобаста (пайваст) кардан; ~ **новичка́ к о́пытному ма́стеру** навкорро ба устои пуртаҷриба вобаста кардан 3. *кого-что* вобаста кардан, ба ҳисоб (ба қайд, ба рӯйхат) гузарондан (даровардан); ~ **к городско́й поликли́нике** ба поликлиникаи шаҳрӣ вобаста кардан

прикрепи́ться *сов.* 1. мустаҳкам (маҳкам, устувор) шудан, маҳкам часпидан 2. худро вобаста кардан, худро қайд кунондан, ба ҳисоб гирифта шудан, ба рӯйхат даромадан; ~ **к поликли́нике** худро ба поликлиника қайд кунондан

прикрепле́ние *с (по знач. гл.* **прикрепи́ть)** мустаҳкам (устувор, банд) кардан(и); вобаста кардан(и); *(по знач. гл.* **прикрепи́ться** 2) ба руйхат даромадан(и)

прикрепля́ть *несов. см.* **прикрепи́ть**

прикрепля́ться *несов.* 1. *см.* **прикрепи́ться;** 2. *страд.* мустаҳкам карда шудан

прикри́кивать *несов. см.* **прикри́кнуть**

прикри́кнуть *сов. на кого-что* овоз баланд кардан, шурида гап задан

прикрои́ть *сов. что* буридан, аз руи андоза буридан, ба андоза мувофиқ карда буридан; ~ **рука́в к пальто́** остинро ба андозаи пальто буридан

прикрути́ть *сов.* 1. *кого-что* баста (тоб дода) маҳкам кардан, тофта бастан, тоб дода сахт кардаи; ~ **ру́ки к спине́** ду дастро тоб дода ба пушт бастан 2. *что* тофта паст (кам) кардан; ~ **фити́ль** пилтаи чароғро паст кардан

прикрути́ться *сов. разг.* тоб хурда паст (кам, хурд) шудан

прикру́чивать *несов. см.* **прикрути́ть**

прикру́чиваться *несов.* 1. *см.* **прикрути́ться;** 2. *страд.* баста маҳкам карда шудан

прикрыва́ть *несов. см.* **прикры́ть**

прикрыва́ться *несов.* 1. *см.* **прикры́ться;** 2. *страд.* пӯшонда шудан

прикры́ти||е *с* 1. *(по знач. гл.* **прикры́ть)** пушондан(и); муҳофиза кардан(и); *(по знач. гл.* **прикры́ться)** панаҳ

шудан(и) 2. *(защита)* паноҳ, ҳимоя, муҳофиза, пуштибон; **под ~ем артиллерийского огня** дар паноҳи тирпарронии тупҳо, дар таҳти муҳофизаи оташи тупҳо // *воен.* дастаи посбонон, дастаи муҳофизон 3. *(предмет, сооружение и т. п.)* паноҳ, паноҳгоҳ, ҷои паноҳ; **стрелять из-за ~я** аз паноҳгоҳ тир паррондан; **это дерево — плохое ~е от дождя** ин дарахт аз борон нағз паноҳ намекунад 4. *перен.* парда; **под ~ем громких фраз** дар зери пардаи гапҳои дабдабанок

прикрыть *сов.* 1. *кого-что* пӯшондан, пушидан; **~ спящего ребёнка одеялом** болои кудаки хуфтаро бо курпа пӯшондан 2. *что перен.* пинҳон (пардапӯш, рупӯш) кардан; хаспӯш кардан; **~ обман** фиребро пардапӯш кардан 3. *кого-что (заслонить собой)* паноҳ кардан; **~ кого-л. своим телом** бо тани худ касеро паноҳ кардан // *воен.* муҳофиза (ҳифз) кардан; **~ левый фланг** паҳлуи чапи қушунро муҳофиза кардан 4. *что* нимкоф (нимроғ) пушидан (пӯшондан), нимпӯш кардан; **~ дверь** дарро нимпӯш кардан 5. *что разг.* бастан, барҳам додан; **~ торговлю** дуконро бастан; савдоро бас кардан

прикрыться *сов.* 1. болои худро пушидан, ба болои худ пушидан; **~ одеялом** ба болои худ курпа пушидан (кашидан) 2. паноҳ шудан, сар ба паноҳ бурдан; **~ от ветра** аз шамол паноҳ шудан 3. *перен.* пинҳон (пардапӯш, рупӯш) кардан, ноаён кардан, кирдору нияти худро пушидан; **~ обещаниями** ваъда дода халос шудан 4. нимкоф (нимроғ) пушидан, нимпӯш шудан; **дверь прикрылась** дар нимпӯш шуд 5. *разг. (ликвидироваться)* баста шудан, барҳам хӯрдан

прикуп *м* 1. *(по знач. гл.* **прикупить***)* боз харидан(и), барилова (баризофа) харидан(и) 2. *карт.* қартаи иловагӣ

прикупать *несов. см.* **прикупить**

прикупаться *несов. страд.* боз харида шудан

прикупить *сов.* 1. *кого-что, кого-чего* боз харидан, барилова (баризофа) харидан 2. *что, чего карт.* барилова (баризофа) якчанд қарта гирифтан; **~ десятку** қартаи даҳиро барилова гирифтан

прикупка *ж разг. см.* **прикуп**

прикуривать *несов. см.* **прикурить**

прикурить *сов. что и без доп.* папиросро даргирондан ◇ **дать прикурить** *кому прост.* онаашро нишон додан, хуб боб кардан

прикус *м* хобиши дандонҳо

прикусить *сов. что* газидан, газида гирифтан; **~ щёку** рухсорaро газидан; **~ язык** 1) забон газидан 2) *перен.* забон нигоҳ доштан, якбора лаб фуру бастан

прикусывать *несов.* 1. *см.* **прикусить**; 2. *что разг.* андак-андак газидан, кам-кам газида хурдан

прилав||ок *м* пештукон, пештахта; раста ◇ **работники ~ка** фурӯшандагон, молфурӯшон, фурӯшгарон, коркунони савдо

прилагательн||ый, -ая, -ое: **имя ~ое** *и в знач. сущ.* **прилагательное** *с* [исми] сифат

прилагать *несов. см.* **приложить** 2, 3

прилагаться *несов. страд.* ҳамроҳ карда шудан

приладить *сов. что* соз (дуруст, мувофиқ, боб) кардан; **~ лесенку к чердаку** нардбончаро ба болохона соз карда гузоштан

приладиться *сов. разг.* соз (дуруст) шудан

приладка *ж полигр.* дуруст кардан(и), соз кардан(и), тайёр кардан(и) *(лаҳзаи тайёрӣ пеш аз чоп, ки аз гузоштани қолиб, соз кардани фишор ва рехтани ранг иборат аст)*

прилаживать *несов. см.* **приладить**

прилаживаться *несов.* 1. *см.* **приладиться**; 2. *страд.* соз карда шудан

приласкать *сов. кого* навозиш (сила) кардан, меҳрубонона молидан

приласкаться *сов.* навозиш кардан

прила́ститься *сов. прост. см.* **приласкаться**

прилгать *сов. что и без доп. разг.* андак (каме, як қадар) дурӯғ гуфтан, дурӯғ илова кардан

прилега||ть *несов.* 1. *см.* **прилечь**; 2. *к чему* часпида истодан, мувофиқ омадан, мулҳақ будан, ҷафс шудан; **платье ~ет к фигуре** курта ба бадан часпида зебидааст, курта мувофиқи қадду баст духта шудааст 3. *к чему* наздик истодан, қариб будан, пайваста будан, ҳамшафат будан; **сад ~ет к реке** боғ ба канори дарьё пайвастааст, боғ дар шафати дарьёст

прилежание *с* ғайрат, ҷидду ҷаҳд, саъй, кушиш, мувозибат, ҳавсала; **он отличается ~м** ӯ бисьёр ғайрат дорад, у боғайрат аст

прилежащий, -ая, -ее *мат.* ҳампаҳлу, қариб; **~ угол** кунҷи ҳампаҳлу

прилежно *нареч.* боғайрат, серғайрат, бо ҷидду ҷаҳд, бо саъю кушиш, боҳавсала, мувозиб

прилежность *ж см.* **прилежание**

прилежный, -ая, -ое (прилеж|ен, -на, -но) боғайрат, серғайрат, бо ҷидду ҷаҳд, серкушиш, боҳавсала, мувозиб; **~ ученик** талабаи боғайрат

прилезать *несов. см.* **прилезть**

прилезть *сов. разг.* хазида наздик шудан, хазида расидан

прилепить *сов. что* часпондан; **~ пластырь** марҳам часпондан // *разг.* часпондан, ширеш кардан; **~ марку на конверт** маркаро ба конверт часпондан // *разг. (приделать)* соз карда часпондан (шинондан), халонда мондан

прилепи||ться *сов.* часпидан, часпида истодан // *разг.* вокеъ шудан, ҷой гирифтан; **домик ~лся на склоне горы** хонача ба нишебаи куҳ часпида истодааст

прилеплять *несов. см.* **прилепить**

прилепляться *несов.* 1. *см.* **прилепиться**; 2. *страд.* часпонда шудан

прилёт *м (по знач. гл.* **прилететь***)* парида омадан(и), парвоз карда омадан(и)

прилетать *несов. см.* **прилететь**

прилететь *сов.* парида омадан, парида расидан, парвоз карда омадан ◇ *разг. (примчаться)* тохта (давида) омадан, давон (тозон) омадан, шитобон расидан; дартоз омадан

прилётн||ый, -ая, -ое бегона, сайёр: **~ые птицы** мурғони сайёр

прилечь *сов.* 1. хобидан, ёзидан, дароз кашидан; **~ отдохнуть** дароз кашида дам гирифтан; **охотник прилёг за кустом** шикорчӣ дар паси бутта дароз кашид // *(привалиться)* ба як паҳлу (нимхез) хобидан // *к чему прост.* ҷафс шудан; **~ к земле** якпаҳлу ба замин ҷафс шудан 2. кат (хам) шудан, хамидан, хоб кардан, хоб рафтан; **пшеница прилегла от дождя** борон гандумро хобонд, хушаҳои гандумзор аз борон хамиданд 3. *см.* **прилегать** 2

прилив *м* 1. мад(д), баланд шудани (дамидани) об; **морской ~** мадди баҳр; **~ и отлив** мадду ҷазр 2. *перен.* ҷамъ (ғун) шудан(и); шиддат, афзоиш, ҷушиш, ҷушу хуруш; **~ сил** тазьиқи (шиддати) қувват; **~ энергии** камоли (афзоиши) ғайрат // *мед.* тазьиқ, фишор 3. *тех.* ҷои ғафси деталь *ва ғ.*

приливать *несов. см.* **прилить**

приливный, -ая, -ое ...и мад(д)

прилизанность *ж разг.* ҳамворӣ, ялаққосӣ будан(и)

прилизанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* лесидашуда 2. *прил. разг.* лесидашуда, ҳамвор, ялаққосӣ; **~ые волосы** муйҳои ялаққосӣ, муйҳои лесидагӣ барин // *перен.* пардоздодашуда

прилиза||ть *сов.* 1. *кого-что* лесидан, лесида ялаққосӣ кардан; **кошка ~ла шерсть** гурба муяшро лесид 2. *что разг. (гладко причесать)* лесидагӣ барин шона кардан

прилизаться *сов. разг.* муйсари худро ҳамвор шона кардан, мӯйсарро ялаққосӣ шона кардан

прилизывать *несов. см.* **прилизать**

прилизываться *несов.* 1. *см.* **прилизаться**; 2. *страд.* лесида шудан

прилик *м,* **прилик||а** *ж:* **для ~у, для ~и** *уст. разг.* ба хотири одоб

прилипать *несов. см.* **прилипнуть**

прилип||нуть *сов.* 1. *к чему* часпидан, сахт часпидан; **мокрая рубашка ~ла к телу** куртаи тар ба тан часпид 2. *перен. см.* **пристать** 3, 4 ◇ **язык прилип к гортани у кого-л.** забонаш лол шудааст

прилипчивость *ж разг.* 1. гузарандагӣ, сирояткунандагӣ 2. *перен.* шилкинӣ, шумшукӣ

прилипчивый, -ая, -ое (прилипчив, -а, -о) 1. часпанда, часпак 2. *перен. разг. (заразительный)* гузаранда, сирояткунанда 3. *перен. разг. (надоедливый)* шилкин, шумшук, безоркунанда, дилгиркунанда, дилбазан

прилистник *м бот.* такбарг

прили||ть *сов. разг.* 1. *что, чего* рехта (андохта) илова кардан, барилова рехтан (андохтан) 2. рехта ома-

дан (расидан), задан; **кровь ~ла́ к голове** хун ба сар зад (давид)

прили́чествовать *несов. кому-чему уст.* мувофиқ (муносиб, рост) омадан, сазовор (шоён) будан, лоиқ будан (омадан)

прили́чи||е *с* адаб, одоб, одоби муошират, шарти одоб; **соблюда́ть ~я** аз рӯи одоб амал кардан, одоби муоширатро риоя кардан; **пренебрега́ть ~ями** беодобӣ кардан, шарти одобро вайрон кардан; **для (ра́ди) ~я** барои шарти одоб, ба хотири одоби муошират

прили́чно *нареч.* 1. боадабона, аз рӯи одоб; **~ вести́ себя** боадабона рафтор кардан 2. *разг.* дуруст, нағз; каноатбахш; **он ~ зараба́тывает** ӯ дуруст пул кор мекунад, у даромади дуруст дорад

прили́чн||ый, -ая, -ое (прили́ч|ен, -на, -но) 1. боадаб(она), аз рӯи одоб, шоиста, сазовор, дуруст; **~ое поведе́ние** рафтори боадабона; **~ый челове́к** одами дуруст, каси одамшаванда 2. *кому-чему уст.* (*подобающий*) мувофиқ, муносиб, сазовор, шоён, лоиқ 3. *разг.* (*удовлетворительный*) дуруст, нағз; каноатбахш

прило́вчиться *сов. разг.* малака хосил кардан

приложе́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **приложи́ть**) гузориш; ба кор андохтан(и), татбиқ кардан(и); **~ печа́ти** мӯҳрмонӣ, мӯҳрзанӣ; **~ тео́рии к пра́ктике** татбиқ кардани назария ба амалия 2. замима, изофа, илова; **беспла́тное ~** иловаи бемузд (бепул) 3. *грам.* алоқаи ҳамроҳӣ, баёния

приложи́ть *сов. что* 1. ниходан, мондан, гузоштан, зер (пахш) кардан; **~ ру́ку к се́рдцу** даст ба дил гузоштан; **~ печа́ть** мӯҳр мондан (задан) 2. илова (изофа, зам, ҳамроҳ) кардан, мулҳақ кардан; **~ к письму́ фотогра́фию** ба хат сурат ҳамроҳ кардан; **~ к заявле́нию докуме́нты** ба ариза ҳуҷҷатҳоро илова кардан 3. ба кор бурдан (андохтан), истифода кардан (бурдан), кор фармудан, татбиқ кардан; **~ все си́лы** тамоми қувватро ба кор андохтан; **~ эне́ргию** саъй ба кор бурдан, ғайрат кардан ◇ **~ ру́ку (ру́ки)** *к кому-чему* даст задан, дар коре иштирок кардан, шарик будан; **~ ру́ку** *к чему, под чем уст.* даст мондан, имзо кардан, имзо гузоштан; **ума́ не риложу́** аклам (фаҳмам) намерасад

приложи||ться *сов.* 1. наздик (чафс, зич) шудан, часпидан; **~ться у́хом к две́ри** гӯш ба дар гузоштан (чафс кардан) 2. бӯсидан; **~ться к ру́чке** даст бӯсидан (занро) 3. (*прицелиться*) [ба] нишон (ҳадаф) гирифтан, милтиқ рост кардан; **он ~лся и вы́стрелил** ӯ нишон гирифта тир андохт (холи кард), у чут карда парронд 4. *прост.* лаб гузошта (ба лаб бурда) нӯшидан ◇ **остально́е (всё, про́чее) прило́жится** боқимондааш (дигараш) шудан мегирад, баъд худ аз худ ҳал мешавад

прилуне́ние *с* (*по знач. гл.* **прилуни́ться**) ба рӯи (ба сатҳи) моҳ фуромадан(и)

прилуни́ться *сов.* ба рӯи (ба сатҳи) Моҳ фуромадан, ба Моҳ фуруд омадан

прильну́||ть *сов.* 1. наздик (чафс, зич) шудан, часпидан; **ребёнок ~л к ма́тери** кӯдак ба модараш часпид; **~ть к окну́** ба тиреза чафс шудан 2. *перен. разг.* (*примкнуть*) ҳамроҳ (қатӣ) шудан, дохил шудан, даромадан

при́ма *ж муз.* 1. прима, садои асоси (*сарсадо ва саровози гамма*) 2. садои якум, овози сарояндаи асосӣ // зани (духтари) яккахони ансамбль // асбоби якуми ансамбль (*асбоби мусиқие, ки дар ансамбль партияи якумро иҷро мекунад*)

при́ма-балери́на *ж* раққосаи асосӣ, сарраққосаи балет, прима-балерина

примадо́нна *ж уст. театр.* сарояндаи асосӣ, примадонна (*зане, ки дар опера ё оперетта рольҳои якумро иҷро мекунад*)

прима́зать *сов. что разг.* 1. *чизе* молида ҳамвор кардан; **~ во́лосы** равған молида мӯйро шона кардан 2. (*замазкой, глиной и т. п.*) молидан, совидан, ловидан, андова кардан (*бо хамира, гил ва ғ.*)

прима́заться *сов. прост.* 1. мӯйро ялаққосӣ кардан 2. *перен.* ҳамроҳ (қатӣ шудан); туфайлӣ шудан

прима́зывать *несов. см.* **прима́зать**

прима́зываться *несов.* 1. *см.* **прима́заться;** 2. *страд.* молида шудан

прима́к *м обл.* хонадомод

прима́нивать *несов. см.* **примани́ть**

прима́ниваться *несов. страд.* бо дон ҷалб карда шудан

примани́ть *сов. кого разг.* бо дон (бо хур) ҷалб кардан, дон (хур) партофта ҷалб кардан; бо *чизе* фиреб дода чеғ задан; **~ птиц** мурғонро бо дон ҷалб кардан // (*рукой, глазами и т. п.*) бо имову ишорат чеғ задан // *перен.* ба худ ҷалб (ҷазб) кардан, ба худ моил кунондан, дили касеро рабудан (гарм кардан)

прима́нка *ж* донаи дом, хӯр, хӯр-хурак, мулӯх; **~ для рыб** хӯр-хӯраки моҳиён // *перен* воситаи фиреб, доми тазвир, найранг

прима́нный, -ая, -ое *см.* **прима́ночный**

прима́ночный, -ая, -ое *охот.* ...и хӯр, ...и мулӯх

прима́с *м церк.* примас (*сарруҳонии калисои католикӣ ва англиканӣ*)

прима́сливать *несов. см.* **прима́слить**

прима́слить *сов. что разг.* равған молида (зада) ҳамвор кардан; **~ во́лосы** ба мӯй равған молидан

прима́т *м книжн.* бартарӣ, афзалият, тафаввуқ; **~ мате́рии над ду́хом** бартарии модда аз рух, афзалияти модда бар рух

прима́ты *мн.* (*ед.* **прима́т** *м*) *зоол.* приматҳо (*гурӯҳи ширхӯрҳо аз қабили одам, маймун ва ниммаймунҳо*)

прима́тывать *несов. см.* **примота́ть**

прима́тываться *несов. страд.* печонда баста шудан

прима́чивать *несов. см.* **примочи́ть**

прима́щивать(ся) *несов. см.* **примости́ть(ся)**

примежева́ть *сов. что* рош (вот, марза) кашида илова кардан

примежёвывать *несов. см.* **примежева́ть**

примежёвываться *несов. страд.* марза кашида илова карда шудан

примелька́ться *сов.* муқаррарӣ (оддӣ) шуда мондан

примене́ни||е *с* (*по знач. гл.* **примени́ть**) истеъмол (истифода) кардан(и), татбиқ кардан(и), ба кор бурдан(и), кор фармудан(и); (*по знач. гл.* **примени́ться**) мувофиқ (мутобиқ) шудан(и); **практи́ческое ~е чего́-л.** амалан истифода кардани чизе; **найти́ ~е чему́-л.** мавриди истифодаи чизеро ёфтан; **~е минера́льных удобре́ний** ба кор бурдани нурии минералӣ ◇ **в ~и к чему́-л.** мутобиқи чизе, мутобиқ ба чизе

примени́мость *ж* қобили татбиқ будан(и), қобили истеъмол (истифода) будан(и), қобили амал будан(и)

примени́мый, -ая, -ое (примени́м, -а, -о) қобили татбиқ, қобили истеъмол (истифода), кор фармудашаванда

примени́тельно *нареч.* мутобиқи..., мувофиқи..., аз рӯи...; **~ к ме́стным усло́виям** мувофиқи шароити маҳаллӣ

примени́ть *сов.* 1. *что* истеъмол (истифода) кардан, татбиқ кардан, ба кор бурдан (андохтан, даровардан), кор фармудан; **~ стро́гие ме́ры** чораҳои сахт (қатъӣ) дидан; **~ свои́ зна́ния на де́ле** дониши худро ба кор бурдан, дониши худро ба амал татбиқ кардан 2. *что* (*приспособить*) мувофиқ (мутобиқ) кардан (кунондан, гардондан) 3. *кого обл.* (*сравнить*) муқоиса кардан

примени́ться *сов.* мувофиқ (мутобиқ) шудан, одат кардан, мувофиқат пайдо кардан; **~ к ме́стным усло́виям** ба шароити маҳаллӣ мувофиқ шудан (одат кардан)

применя́емость *ж* истеъмол, истифода

применя́ть *несов. см.* **примени́ть**

применя́ться *несов.* 1. *см.* **примени́ться;** 2. *страд.* истеъмол карда шудан

приме́р *м* 1. мисол, назира; **привести́ ~** мисол (назира) овардан 2. намуна, тимсол, ибрат; **~ му́жества** намунаи мардонагӣ, тимсоли диловарӣ; **си́ла ~а** таъсири (қуввai) ибрат; **брать ~ с кого́-л.** аз касе ибрат гирифтан; **пода́ть кому́-л. ~** ба касе ибрат нишон додан; **служи́ть ~ом** намуна шудан 3. *мат.* мисол; **реши́ть ~** мисол ҳал кардан ◇ **для ~а** барои ибрат, дарси ибрат шавад гуфта, ҳамчун намуна; **к ~у, к ~у сказа́ть (говоря́)** масалан, масалан гуем, ба тариқи мисол гуем, мисол гирем; **не в ~** *кому-чему* дар муқобили...

примере́щиться *сов. см.* **помере́щиться**

примерза́ть *несов. см.* **примёрзнуть**

примёрзнуть *сов.* ях баста (карда) часпидан

примéривание *с (по знач. гл.* **примерить**) пӯшида андоза кардан(и); *(по знач. гл.* **примéриться**) чур шудан(и)

примéривать(ся) *несов. то же, что* **примеря́ть(ся)**

примéрить *сов. что* пӯшида андоза кардан, пӯшида дидан, андоза (чен) карда дидан; ~ **сапоги́** музаро пӯшида дидан

примéриться *сов. разг.* мувофиқ шудан, чӯр шудан, худро хамсоз кардан

примéрк||а *ж (по знач. гл.* **примéрить**) пӯшида андоза кардан(и), пӯшида дидан(и); **пéрвая ~а** пӯшида дидани аввалин; **сдéлать ~у** пӯшида дидан

примéрно *нареч.* 1. *(образцово)* ба тарзи ибратбахш, аъло, намунавор; **он ведёт себя́** ~ ӯ хушодоб (хушахлоқ) аст 2. *(приблизительно)* тахминан, тақрибан, қариб; **он пробежáл ~ двáдцать киломéтров** у тақрибан бист километрро давида тай кард 3. *в знач. вводн. сл. разг. (например)* масалан, чунончӣ

примéрность *ж* 1. намунавӣ (ибратбахш) будан(и); ~ **поведéния** ибратбахш будани рафтор 2. тахминӣ (тақрибӣ) будан(и); ~ **расчётов** хомчӯт (тахминӣ) будани ҳисоб

примéрн||ый, -ая, -ое (примéр|ен, -на, -но) 1. намунавӣ, ибратшаванда, ибратбахш, пандомуз; **~ое поведéние** рафтори ибратбахш, хулқи хуш // намунавӣ; **~ый уста́в сельскохозя́йственной артéли** қонунномаи (низомномаи) намунавии артели хоҷагии қишлоқ 2. тахминӣ, тақрибӣ, хомакӣ; **~ые расчёты** ҳисоби тахминӣ, ҳисоби пешакӣ (хомчӯт)

примéрочный, -ая, -ое ...и пӯшида дидан(и) // *в знач. сущ.* **примéрочная** *ж* хонаи (ҷои) пӯшида дидани либос

примеря́ть *несов. см.* **примéрить**

примеря́ться *несов.* 1. *см.* **примéриться**; 2. *страд.* пӯшида дида шудан

примеси́ть *сов. что, чего* боз (барилова) хамир чӯлондан, барилова чизе андохта сириштан, омехтан; ~ **в тéсто муки́** ба хамир орд зада (омехта) мушт кардан

примести́ *сов. что разг.* рӯфта ба ҷое ҷамъ карда мондан, руфта туп кардан; ~ **мýсор к поро́гу** ахлотро руфта пеши остона туп карда мондан

при́мес||ь *ж прям., перен.* ғаш, омехта, илова; **гли́на с ~ью пескá** гили регомехта; **врéдные ~и** омехтаҳои зарарнок

примéт||а *ж* 1. аломат, нишона, ишорат; **доро́гу он узнавáл по свои́м ~ам** вай роҳро аз рӯи нишонаҳои худ шинохта мерафт 2. *(в суеверных представлениях)* фол, аломат, нишона, хурофот, хосият; **хоро́шая ~а** фоли нек 3. *чаще мн.* **примéты** аломат(ҳо), нишона(ҳо); **по ~ам лéто должно́ быть жаркое** аз рӯи аломатҳо тобистони имсол бояд гарм шавад ◊ **на ~е быть (имéться)** *у кого* дар назар дошта шудан; **у меня́ есть для вас на ~е дéло** ман барои шумо як корро таги чашм карда мондам

примета́ть I *несов. см.* **примести́**

примета́ть II *сов. что* хомдузӣ кардан, кук карда мондан, кук бастан; ~ **рукáв** остинро хомдӯзӣ карда часпондан

примéтить *сов. кого-что* 1. дидан, дида мондан, диққат кардан, таваҷҷуҳ (мушоҳида) кардан 2. [дида] дар хотир нигоҳ доштан, [диққат дода] дар ёд доштан, дар хотир нигоштан

примётка *ж (по знач. гл.* **примета́ть** II) *разг. и порт.* хомдузи кардан(и), кук карда мондан(и), кук бастан(и)

примéтливость *ж разг.* тезбинӣ, мушоҳидакорӣ

примéтливый, -ая, -ое (примéтлив, -а, -о) *разг.* тезбин, мушоҳидакор

примéтн||ый, -ая, -ое (примéт|ен, -на, -но) 1. намоён, ба назар намоён, намудор, аён, баръалоина 2. *тк. полн. ф.* барҷаста, ба назар намоён, мумтоз 3. аломатнок, нишонадор; **~ое мéсто** ҷои нишонадор

примётывание *с см.* **примётка**

примётывать *несов. см.* **примета́ть** II

примётываться *несов. страд.* хомдӯзӣ карда шудан

примечáни||е *с* эзоҳ, шарҳ, қайд, ҳошия; **сдéлать ~е** эзоҳ додан; **снабди́ть кни́гу ~ями** ба китоб эзоҳот илова кардан, дар ҳошияи китоб тавзеҳот овардан

примечáтельность *ж* 1. ба назар намоён будан(и), шоёни диққат будан(и), барҷастагӣ, ҷозибанокӣ 2. *уст.* ҷои (чизи) шоёни дидан, ҷои (чизи) сазовори тамошо

примечáтельн||ый, -ая, -ое (примечáте|лен, -льна, -льно) ба назар намоён, шоёни диққат, барҷаста, марокавор, ҷолиби диққат; **~ое собы́тие** воқеаи шоёни диққат

примечáть *несов. см.* **примéтить**

примешáть *сов. что, чего* омехтан, қатӣ (аралаш, ҳамроҳ) кардан; ~ **к гли́не пескý** ба гил рег қатӣ кардан (омехтан) // *кого-что перен. разг.* аралаш кардан

примешáться *сов.* қатӣ (аралаш, ҳамроҳ) шудан

примéшивать I *несов. см.* **примеси́ть**

примéшивать II *несов. см.* **примешáть**

примéшиваться I *несов. страд.* омехта шудан

примéшиваться II *несов.* 1. *см.* **примешáться**; 2. *страд.* қатӣ карда шудан

приминáть *несов. см.* **примя́ть**

приминáться *несов.* 1. *см.* **примя́ться**; 2. *страд.* пахш карда шудан

примирéнец *м* созишкор, муросокор, мувосокор

примирéние *с* 1. *(по знач. гл.* **примири́ть**) оштӣ кунондан(и), оштӣ додан(и); *(по знач. гл.* **примири́ться**) оштӣ шудан(и) 2. оштӣ, сулҳ

примирённость *ж* оромӣ, хотирҷамъӣ, осудагӣ, роҳат

примирённый, -ая, -ое 1. *прич.* оштӣ додашуда 2. *прил.* ором, хотирҷамъ, осоишта, осуда

примирéнческ||ий, -ая, -ое созишкорона, муросокорона, мувосокорона; **~ое отношéние** муносибати созишкорона

примирéнчество *с* созишкорӣ, муросокорӣ, мувосокорӣ

примири́тель *м* оштидеҳ, оштидиҳанда; миёнарав

примири́тельно *нареч.* созишхохона, созишкорона, муросокорона

примири́тельный, -ая, -ое (примири́те|лен, -льна, -льно) ...и оштӣ, ...и оштӣ додан(и), оштидиҳанда, мувосокунанда

примири́ть *сов. кого-что* 1. *с кем-чем и без доп.* оштӣ кунондан (додан), сулҳ кунондан (додан), созиш кунондан, сулҳу сафо кунондан 2. *с чем* одат (омӯхта) кунондан, розӣ кунондан

примири́ться *сов.* 1. *с кем-чем и без доп.* оштӣ шудан, сулҳ кардан, созиш кардан, сулҳу сафо кардан 2. *с чем* одат кардан, омӯхта шудан, унс (хӯ) гирифтан, розӣ шудан, тан додан

примиря́ть *несов. см.* **примири́ть**

примиря́ться *несов.* 1. *см.* **примири́ться**; 2. *страд.* оштӣ кунонда шудан

примити́в *м* примитив (1. *чиз ё ҳодисаи содда, ибтидоӣ* 2. *иск. асари соддауслуби мансуб ба давраҳои аввали тараққиёти маданият)*

примитиви́зм *м* 1. примитивизм, соддаписандӣ 2. *иск.* примитивизм *(пайравӣ ба санъати ибтидоии соддауслуб)*

примити́вно *нареч.* соддалавҳона, соддаписандона, содда, ба тарзи ибтидоӣ

примити́вность *ж* соддагӣ, номураккабӣ // маҳдудӣ, ғайриҷиддӣ

примити́вн||ый, -ая, -ое (примити́в|ен, -на, -но) 1. ибтидоӣ, дақьёнусӣ 2. содда, номураккаб; **~ые инструмéнты** асбобҳои содда // соддалавҳона, соддаписандона, маҳдуд, ғайриҷиддӣ; **~ый подхо́д к явлéниям действи́тельности** муносибати ғайриҷиддӣ ба ҳодисаҳои воқеият 3. нодон, нохонда, бетарбия, каммаданият; **~ый человéк** одами каммаданият

примкнýть *сов.* 1. *что* насб (васл) кардан, пайвастан, шинондан; ~ **штык** найзаро ба милтиқ шинондан (гузарондан) 2. *к кому-чему* ҷафс шудан, наздик шудан, ба қатор (ба саф) ҳамроҳ шудан; ~ **к отря́ду** ба отряд ҳамроҳ шудан 3. *перен.* тарафдор (ҳамраъй, ҳамсаф) шудан

примо́лкнуть *сов. разг.* хомӯш шудан, ором (дам) шудан, дам фурӯ бастан (бурдан)

примора́живать *несов. см.* **приморо́зить**

приморо́зи||ть *сов.* 1. *что* ях бандонда (ях кунонда) часпондан 2. *безл.* яхбандӣ шудан; **к вéчеру ~ло** бегоҳӣ ҳаво хунук шуд, бегоҳи яхбандӣ шуд

примо́рский, -ая, -ое ...и лаби баҳр, ...и соҳили баҳр, ...и канори баҳр; ~ **парк** чаҳорбоғи канори баҳр

примо́рье *с* соҳили баҳр, мавзеи канори баҳр, маҳалли лаби баҳр

примости́ть *сов. что разг.* гузош-

тан, мондан, ҷо кардан, ҷойгир кардан (кунондан); ~ **чемодан на верхнюю полку** чамадонро дар тоқи боло ҷойгир кунондан (мондан)

примости́ться *сов. разг.* ҷо гирифтан, ҷойгир шудан, як навъ нишастан

примота́ть *сов.* 1. *что* печонда бастан, печонда (тофта) маҳкам кардан; ~ **ле́ску к уди́лищу** ресмони шастро ба чуби қалмоқ печондан 2. *что, чего* баризофа (боз) печондан; ~ **ни́ток на клубо́к** ба калоба боз ресмон печондан

примочи́ть *сов. что* чизи тар (намнок) мондан *(ба ҷои дарднок)*; ~ **воспалённый глаз** ба чашми варамдор чизи нам мондан

примо́чк||а *ж* 1. тарбандӣ; **сде́лать** ~**у** тарбандӣ кардан 2. дору, даво, дармон, марҳам; **свинцо́вая** ~**а** марҳами қурғошимӣ

при́мула *ж бот.* примула *(як навъ гиёҳи декоративӣ)*

при́мус *м* примус

при́мусн||ый, -ая, -ое ...и примус; ~**ая горе́лка** сархонаи примус

примча́ть *сов.* 1. *кого-что* дартоз овардан, давида (давон-давон) овардан, тохта (тозон, давон) расондан 2. *прост. см.* **примча́ться**

примча́ться *сов.* дартоз (тозон, давон) омадан, давида (давон-давон) омадан, тохта расидан

примыка́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **примкну́ть**) ҳамроҳ (қатӣ) шудан(и) 2. *грам.* баёния, алоқаи ҳамроҳӣ

примыка́||ть *несов.* 1. *см.* **примкну́ть**; 2. *к чему* наздик истодан, қариб будан, пайваста будан, ҳамшафат будан; **по́ле** ~**ет к ле́су** дашт ба беша пайвастааст; **на́ши дворы́** ~**ют друг к дру́гу** ҳавлиҳои мо ҳамшафатанд 3. *грам.* алоқаи ҳамроҳӣ доштан

примы́слить *сов. что уст.* аз худ бофта илова кардан, аз фикри худ сохта илова кардан

примышля́ть *несов. см.* **примы́слить**

примя́||ть *сов. что* пахш (зер) кардан, хобондан, поймол кардан, зери по (таги по) кардан; ~**ть траву́** алафро пахш кардан; **град** ~**л пшени́цу** жола [хушаҳои] гандумро хобонд

примя́||ться *сов.* пахш (зер) шудан, поймол шудан, зери по (таги по) шудан; **трава́** ~**лась** алаф зер шуд

принадлеж||а́ть *сов* 1. *кому-чему* тааллуқ доштан, мутааллиқ будан; **э́та кни́га** ~**и́т библиоте́ке** ин китоб аз они китобхона аст; **э́та карти́на** ~**и́т ки́сти изве́стного худо́жника** ин расм ба қалами рассоми маъруф тааллуқ дорад, ин расм амали дасти рассоми маъруф аст // *(быть свойственным)* мансуб (махсус) будан, оид будан // *кому уст. (о женщине)* хушдори касе будан // *с возвр. мест. «себе»* соҳибихтиёр будан, ихтиёр дар дасти худ доштан; **он ре́дко** ~**и́т себе́** у барои корҳои шахсии худ кам вақт дорад 2. *к кому-чему* узви *чизе* будан, аз ҷумлаи (аз зумраи) *чизе* будан; тааллуқ доштан, мансуб будан; **он** ~**и́т к числу́ выдаю́щихся де́ятелей нау́ки** у аз зумраи ходимони барҷастаи илм аст

принадле́жност||ь *ж* 1. лавозимот, асбоб, афзол, олат, ҷиҳоз, сомон; **пи́сьменные** ~**и** лавозимоти хатнависӣ (таҳрир); **посте́льные** ~**и** рахти хоб 2. шарт, аломат, нишона, хосият, хусусияти ҳатмӣ; **любозна́тельность** — ~**ь мо́лодости** донишдӯстӣ хосияти ҷавонист 3. тааллуқ, мансубият, оидият, алоқа, нисбат; узвият; **кла́ссовая** ~**ь** оидият ба синф ◇ **по** ~**и отпра́вить (переда́ть** *и т. п.*) ба ҷои (ба унвони) дахлдор додан (расондан), ба каси дахлдор фиристодан; **переда́ть заявле́ние по** ~**и** аризаро ба ҷои дахлдор фиристодан

принайто́вить *сов. что мор.* ба банди киштӣ баста маҳкам кардан

принакопи́ть *сов. что, чего разг.* кам-кам ҷамъ (захира) кардан, оҳиста-оҳиста ғун (пасандоз) кардан, кам-кам андӯхтан, тадриҷан пасандоз кардан

принале́чь *сов. разг.* 1. *на кого-что* такья кардан (додан), пахш (зер) кардан, вазни худро партофтан // *на что* бо қуввати тамом сари корро гирифтан; ~ **на вёсла** ба белзанӣ бо қуввати тамом сар кардан 2. *на что перен.* зур задан, ягон корро бо ғайрат кардан, бо ҷиддият пардохтан (машғул шудан), бо ғайрат часпидан; ~ **на рабо́ту** ба кор зур задан, ба кор бо ғайрат часпидан

принанима́ть *несов. см.* **принаня́ть**

принаня́ть *сов. кого разг.* барилова ба иҷора гирифтан, баризофа киро кардан, ба кор гирифтан

принаряди́ть *сов. кого-что разг.* оростан, ороиш (зинат) додан, сарулибоси (сарупои) нав (нағз) пӯшондан

принаряди́ться *сов. разг.* худро оростан, худро ороиш (зинат) додан; сарулибоси нав (нағз) пӯшидан

принаряжа́ть *несов. см.* **принаряди́ть**

принаряжа́ться *несов.* 1. *см.* **принаряди́ться**; 2. *страд.* ороста шудан

принахму́рить *сов. что разг.* андак абрӯ чин кардан, каме қавоқ андохтан, рӯ турш кардан

принахму́риться *сов. разг.* андак абрӯ чин кардан, каме қавоқ андохтан, рӯ турш кардан

принево́ливать *несов. см.* **принево́лить**

принево́лить *сов. кого разг.* маҷбур кардан, водоштан, водор кардан

принесе́ние *с (по знач. гл.* **принести́** 3, 4) расондан(и), овардан(и)

принести́ *сов.* 1. *кого-что* овардан, расонидан; ~ **домо́й поку́пки** чизҳои харидаро ба хона овардан; ~ **ра́достное изве́стие** мужда (хабари хуш) овардан // *что (водой, ветром)* расондан, овардан; **ве́тер принёс за́пах га́ри** шамол буи сӯхтаро овард 2. *кого* зоидан; **ко́шка принесла́ пятеры́х котя́т** гурба панҷ бача зоид // *что* хосил кардан, ҳосил (маҳсул, мева) додан, бор овардан; **дере́вья принесли́ плоды́** дарахтон ҳосил доданд (бор оварданд) 3. *что* расондан, овардан; ~ **по́льзу** манфиат додан, даромад кардан; ~ **вред** зарар расондан (овардан) 4. *что в сочет. с сущ.:* ~ **благода́рность** ташаккур гуфтан, изҳори ташаккур (миннатдорӣ) кардан; ~ **кля́тву** савганд ёд кардан, қасам хурдан; ~ **свои́ извине́ния** узр хостан, афв (маъзарат) пурсидан, узрхоҳӣ кардан; ~ **в дар** тӯҳфа кардан, додан, бахшидан; ~ **же́ртву** *кому-чему,* ~ **в же́ртву** *кого-что кому-чему* фидо (қурбон) кардан 5. *кого безл. прост.* баногоҳ (ғайриматлуб) омадан, дар вақти ноқулай (бемаврид) омадан; **и принесло́ же их в са́мое неподходя́щее вре́мя!** оиҳо дар як вақти ноқулай омаданд!, онҳо хеле бемаврид омада монданд ◇ **нелёгкая принесла́, чёрт принёс!** *кого прост.* сабил аз қадом гур (лаҳад) омад!; бало барин аз куҷо омад!

принести́сь *сов. разг.* дартоз (тозон, давон-давон) омадан, тохта омадан, зуд аз ҷое омадан // *(о звуках, запахах)* расидан, паҳн шудан *(оид ба садо, бӯй)*

принижа́ть *несов. см.* **прини́зить**

принижа́ться *несов.* 1. *см.* **прини́зиться**; 2. *страд.* паст карда шудан

приниже́ние *с (по знач. гл.* **прини́зить**) паст (хор, таҳқир, залил) кардан(и), нах задан(и)

прини́женно *нареч.* ҳақирона, залилона

прини́женность *ж* ҳақирӣ, залолат, залилӣ

прини́женн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хор (залил) кардашуда 2. *прил.* фармонбардор, мутеъ, итоаткор(она); ~**ый взгляд** нигоҳи итоаткорона 3. *прил.* таҳқиромез, хорузор(она), залил(она); ~**ое положе́ние** вазъияти таҳқиромез, мазлумият

прини́зить *сов. кого-что* 1. паст (хор, таҳқир, залил) кардан 2. паст кардан (задан), кам кардан, фуровардан; ~ **значе́ние чего́-л.** аҳамияти чизеро паст задан

приника́ть *несов. см.* **прини́кнуть**

прини́кнуть *сов.* 1. *к кому-чему* хам (қат) шудан, ҷафс шудан, часпидан; ~ **к земле́** ба замин хам шудан, сар ба замин фуруд овардан; **ребёнок прини́к к ма́тери** бача ба модараш ҷафс шуд (часпид) 2. *перен. разг.* руст шудан, пинҳон (ҷогоҳ) шудан; **охо́тник прини́к за кусто́м** шикорчӣ дар паси бутта руст шуд

принима́||ть *несов. см.* **приня́ть** ◇ **душа́ не** ~**ет** *прост.* дил(ам) намекашад

принима́ться *несов.* 1. *см.* **приня́ться**; 2. *страд.* гирифта шудан, қабул карда шудан

принора́вливать *несов. см.* **приноров́ить**

принора́вливаться *несов.* 1. *см.* **приноров́иться**; 2. *страд.* соз (мувофиқ) карда шудан

приноров́ить *сов. что к чему* соз (боб) кардан; мувофиқ кардан, муносиб (рост) овардан; ~ **свой отъе́зд к концу́ го́да** сафари худро ба охири сол рост овардан

приноров́иться *сов. к кому-чему и без доп.* мувофиқ (ҷур) шудан, худро мувофиқ (ҳамсоз) кардан, одат кардаи

приноровля́ть(ся) *несов. см.* **принора́вливать(ся)**

принос *м* 1. *(по знач. гл.* **принести** 1) овардан(и), овариш, расондан(и), расониш 2. *уст. см.* **приноше́ние**

приноси́ть *несов. см.* **принести́**

приноси́ться *несов.* 1. *см.* **принестись;** 2. *страд.* оварда шудан

приноше́ние *с ирон.* бахшиш, ҳадья, раҳовард, пешкаш, тухфа; ришва, пора, назр

принуди́ловка *ж прост.* корҳои маҷбурӣ

принуди́тельность *ж* маҷбурият, маҷбурӣ будан(и)

принуди́тельн||ый, -ая, -ое (принуди́те|лен, -льна, -льно) маҷбурӣ, иҷборӣ; **в ~ом поря́дке** маҷбуран, зуран, ба таври маҷбурӣ (иҷборӣ); **~ые рабо́ты** корҳои маҷбурӣ *(ҷазои ҷиноятиест, ки дар он гунаҳкорро берун аз ҳабс ба корҳои маҷбурӣ гузошта товони ҷиноятаашро аз музди хизматаш даст мегиранд)*

прину́дить *сов. кого-что* маҷбур (водор) кардан, ноилоҷ монондан, зур кардан, водоштан

принужда́ть *несов. см.* **прину́дить**

принужда́ться *несов. страд.* маҷбур карда шудан

принужде́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **прину́дить)** маҷбур (водор) кардан(и), ноилоҷ монондан(и) 2. маҷбурият; **вое́нное ~е** маҷбурияти ҳарбӣ; **полити́ческое ~е** маҷбурияти сиёсӣ; **экономи́ческое ~е** маҷбурияти иқтисодӣ; **по ~ю** зуран, ҷабран, аз руи маҷбурият (фишор) 3. *уст. см.* **принуждённость**

принуждённо *нареч.* маҷбуран, зуран, бо такаллуф; **~ засмея́ться** сохтакорона (бо такаллуф) хандидан

принуждённость *ж* такаллуф, рафтори ғайритабиӣ (сунъӣ); **~ в разгово́ре** такаллуф дар гуфтугуй

принуждённый, -ая, -ое 1. *прич.* маҷбур (водор) кардашуда 2. *прил.* ботакаллуф, ғайритабиӣ, сохта, сохтакорона; **~ смех** хандаи ғайритабиӣ

принц *м* шоҳзода, подшоҳзода

принце́сса *ж* малика, шоҳзодахоним, шоҳдухтар, подшоҳдухтар

при́нцип *м* 1. принцип, асос, қонун, усул, буньёд, шарт; **~ ми́рного сосуществова́ния** принципи ҳамзистии осоиштa; **~ социали́зма** принципи социализм; **~ы социалисти́ческого интернационали́зма** қонунҳои интернационализми социалистӣ; **~ы организа́ции** қонунҳои таъсис; **~ы парти́йной жи́зни** принципҳои ҳаёти партиявӣ; **общепри́знанные ~ы** қоидаҳои маъмул; **соблюде́ние ~ов взаи́много отка́за от примене́ния си́лы** риояи шартҳои (принципҳои) инкори мутақобилаи истифода аз қувва 2. эътиқод, ақида, нуктаи назар, қавл, қоидаи ахлоқ; **э́то про́тив мои́х ~ов** ин бар хилофи ақидаҳои ман аст ◇ **в ~е** моҳиятан, асосан, умуман, аслан; **в ~е я с ва́ми согла́сен** ман асосан ба фикри шумо розӣ ҳастам, ман умуман бо шумо ҳамфикрам; **из ~а** аз руи принцип (акида); муътақидан

принципа́л *м уст.* соҳиб, сардор, хуҷаин, ҷаноб

принципа́т *м ист.* принципат *(даврае дар таърихи Рими асри якуми пеш аз милод то асри дуюми милодӣ, ки республика ба империя табдил дода мешуд; император дар амал ҳокими мутлақ бошад ҳам, фақат расман шахси якум ҳисоб мешуд)*

принципиа́льно *нареч.* аз руи принцип (ақида), муътақидан; асосан, умуман; **~ но́вое реше́ние пробле́мы** тарзи усулан нави ҳалли масъала; **~ но́вый эта́п** марҳилаи ба куллӣ нав

принципиа́льность *ж* принципнокӣ, асосӣ будан(и); рафтор аз руи эътиқод

принципиа́льн||ый, -ая, -ое 1. принципиалӣ, асосӣ, ҷиддӣ, муҳим; **~ый вопро́с** масъалаи асосӣ (муҳим) // асосӣ, умумӣ; **дать ~ое согла́сие** асосан (умуман) розӣ шудан 2. принципдор, ҷиддӣ, истодагар, устуворақида; **~ый челове́к** одами устуворақида; **~ая кри́тика** танқиди ҷиддӣ, танқиди ҳаққонӣ

принюха́ться *сов. разг.* 1. ба буе омухта шудан (одат кардан) 2. буйро фаҳмидан (шинохтан), буйфаҳм шудан

принюхиваться *несов. см.* **принюха́ться**

приня́тие *с (по знач. гл.* **приня́ть)** гирифтан(и), қабул, қабул кардан(и); **~ зако́нов и реше́ний** қабули қонунҳо ва қарорҳо; **~ Конститу́ции СССР** қабули қонуни асосии СССР; **~ резолю́ции** қабул кардани қарор; **~ прися́ги** савганд ёд кардан(и)

при́нятый, -ая, -ое 1. *прич.* гирифташуда, қабул кардашуда 2. *прил.* қабулшуда, мақбул, маъмул; **~ поря́док** тартиби қабулшуда (ҷоришуда), тартиби маъмул

приня́ть *сов.* 1. *кого-что* гирифтан, қабул кардан, пазируфтан; **~ пода́рок** тухфа гирифтан (қабул кардан) 2. *что* қабул кардан, ба зиммаи (ба ухдаи) худ гирифтан, ба гардан гирифтан, ба ихтиёри худ гирифтан, мутасаддӣ шудан; **~ пост дире́ктора** вазифаи мудириро қабул кардан (ба зиммаи худ гирифтан); **~ кома́ндование** фармондиҳиро ба ухдаи худ гирифтан 3. *кого* қабул кардан, даровардан, гирифтан, ҳамроҳ кардан; **~ на рабо́ту** ба кор қабул кардан (гирифтан); **~ в игру́** ба бозӣ қабул кардан (ҳамроҳ кардан) 4. *кого-что* қабул (истиқбол) кардан, пазируфтан, пешвоз гирифтан; **~ госте́й** меҳмононро пазируфтан; **~ больно́го** беморро қабул кардан 5. *что* рафтор (муносибат) кардан; **она споко́йно приняла́ э́то изве́стие** вай ин хабарро бе малоли хотир шунид 6. *что* қабул кардан, пазируфтан, писандидан, маъқул донистан, розӣ шудан; **~ чьё-л. предложе́ние** пешниҳоди касеро пазируфтан; **~ че́й-л. сове́т** маслиҳати касеро писандидан 7. *что* қабул (тасдиқ) кардан, баровардан; **~ резолю́цию** қарор қабул кардан (баровардан) 8. *что (по радио, телеграфу и т. п.)* қабул кардан, гирифтан, шунидан, навишта гирифтан; **~ телефоногра́мму** телефонограммаро [навишта] гирифтан 9. *что в сочет. с сущ.:* **~ реше́ние** қарор қабул кардан, ба як қарор омадан; **~ прися́гу** савганд ёд кардан; **~ смерть** ба марг рафтан 10. *что:* **~ душ** дар таги душ (обпош) оббозӣ кардан; **~ ва́нну** дар ванна оббозӣ кардан 11. *что* қабул кардан, пазируфтан; дохил (ворид) шудан; шудан; **~ гражда́нство** тобеияти мамлакатеро пазируфтан; **~ христиа́нскую ве́ру** дини насрониро қабул кардан, ба мазҳаби насронӣ даромадан 12. *что* пайдо кардан, гирифтан, шудан; **боле́знь приняла́ серьёзный оборо́т** беморӣ сахт шуд, беморӣ хавфнок шуд 13. *что, чего* хурдан, нушидан, истеъмол кардан, фуру бурдан, култ кардан; **~ лека́рство** дору хурдан 14. *что* фарз (ҳисоб) кардан, пиндоштан, гумон бурдан, тахмин задан, киёс кардан // *кого-что за кого-что* шумурдан, пиндоштан, ҳисоб кардан; **~ за шу́тку** ҳазл ҳисоб кардан 15. ба тарафе (ба ҷонибе) гаштан, моил шудан, тоб хурдан; **~ впра́во** ба дасти (ба тарафи) рост гаштан 16. *что прост.* бурдан, ғундошта бурдан, гирифтан, гирифта бурдан, бардоштан; **~ посу́ду со стола́** зарфи руи мизро ғундошта бурдан 17. *кого* доягӣ кардан, зоёндан; **~ ребёнка у кого-л.** доян кудаке шудан ◇ **~ бой (сраже́ние)** ҷанг кардан, ба ҷанг (ба муҳориба) даромадан; **~ вид** *кого* худро... нишон додан, киёфаи ...ро гирифтан; **~ ме́ры** чора дидан (андешидан), чораҷуӣ кардан; **~ чью-л. сто́рону** тарафи касеро гирифтан, тарафдори касе шудан; **~ в до́лю** саҳмдори (ҳиссадори) чизе кардан; **~ в кулаки́** *кого прост.* қатъиян муқобил баромадан; **~ во внима́ние** ба эътибор гирифтан; **~ в расчёт кого́-что́-л.** ба ҳисоб (ба назар) гирифтан; **~ в штыки́** *кого-что* душманона пешвоз гирифтан; **~ к све́дению** ба маълумот гирифтан; **~ [бли́зко] к се́рдцу** *что* ба дил [сахт] гирифтан; **~ что́-л. на ве́ру** ба чизе бе исботу далел (соддадилона) бовар кардан; **~ на свой счёт** ба дил гирифтан, девори намкаш барин ба худ гирифтан; **~ на себя́ что́-л.** чизеро (кореро ба зиммаи (ба ухдаи, ба гардани) худ гирифтан

прияться *сов.* 1. *за что и с неопр.* машғул шудан, шуғл кардан, пардохтан, сар (шуруъ) кардан; **~ за рабо́ту** ба кор машғул шудан, корро сар кардан; **~ за еду́** хурокро хурдан гирифтан, ба хурдан сар кардан; **~ за шитьё** чокдузиро сар кардан; **~ писа́ть письмо́** ба хатнависӣ машғул шудан 2. *за кого разг.* сахт гирифтан, адаби *касеро* [нишон] додан; **мы ещё при́мемся за него́** мо ҳоло адабашро медиҳем 3. *(о растениях)* гирифтан, реша бастан (давондан); **деревце прияло́сь нихол** гирифт (реша давонд) // *(о вак-*

цине) [пайванд] гирифтан; **оспа привялась** нағзак гирифт

приободрить *сов. кого-что* дилдорӣ додан, дилбардорӣ кардан, рӯҳ бардоштан, рӯҳбаланд кардан; ~ **больного** беморро дилбардорӣ кардан

приободриться *сов.* хушҳол шудан, дилдорӣ ёфтан, ҷуръат пайдо кардан, рӯҳбардошта (рӯҳбаланд) шудан

приободрять(ся) *несов. см.* **приободрить(ся)**

приобрести *сов.* 1. *кого-что* ба даст овардан (даровардан), соҳиб шудан, харидан; ~ **дом** соҳиби хона шудан; ~ **машину** мошин харидан // пайдо кардан; ~ **друзей** ёру ошно пайдо кардан 2. *что* гирифтан, ҳосил (пайдо) кардан; ёд гирифтан, аз худ кардан, омӯхтан; ~ **опыт** таҷриба андӯхтан; ~ **важное значение** аҳамияти бузург пайдо кардан, аҳамияти калон касб кардан; ~ **новый смысл** маънои нав касб кардан, дорои маънои нав шудан

приобретатель *м* 1. *уст.* харидор, харанда, харидкунанда 2. *неодобр.* чизпараст, молпараст, дуньёпараст

приобретать *несов. см.* **приобрести**

приобретаться *несов. страд.* харида шудан

приобретение *с* 1. *(по знач. гл.* **приобрести)** ба даст овардан(и), харидан(и); ҳосил кардан(и); ~ **опыта** ҳосил кардани таҷриба 2. *разг.* харид 3. маҳсул, ҳусул; **ценное** ~ ҳусули муҳим

приобщать *несов. см.* **приобщить**

приобщаться *несов.* 1. *см.* **приобщиться;** 2. *страд.* ҳамроҳ карда шудан

приобщение *с (по знач. гл.* **приобщить** 1) шиносо (ошно) кардан(и), ҳамроҳ кардан(и), иштирок кунондан(и); зам (илова) кардан(и); *(по знач. гл.* **приобщиться** 1) ҳамроҳшавӣ, иштирок кардан(и); ~ **масс к ценностям культуры** шиносо кардани мардум бо осори пуркимати маданият

приобщить *сов.* 1. *кого-что к чему* шиносо (ошно) кардан, хабардор (бохабар) кардан, ҳамроҳ кардан, иштирок кунондан, ворид кардан; ~ **к искусству** бо санъат шиносо кардан; 2. *что к чему* зам (илова, изофа) кардан, ҳамроҳ кардан; ~ **необходимые документы к заявлению** ба ариза ҳуҷҷатҳои лозимаро илова кардан 3. *см.* **причастить**

приобщиться *сов.* 1. *к чему* ҳамроҳ (ворид) шудан, иштирок кардан; ~ **к общественной жизни** ба ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамроҳ шудан 2. *чего и без доп. см.* **причаститься**

приобыкать *несов. см.* **приобыкнуть**

приобыкнуть *сов. уст. и прост.* одат кардан, хӯ гирифтан

приовражн||ый, -ая, -ое ...и лаби ҷар, ...и ҷарӣ; ~**ые насаждения** дарахтони лаби ҷар

приовражье *с* замини канори ҷар (ҷарӣ)

приодеть *сов. кого-что разг.* либос пӯшондан, аз либос (аз пушок) таъмин кардан; сарупо додан (кардан) // *(принарядить)* оростан, оро (орову торо) додан, росту ороcт кардан, либоси нағз (зебо) пӯшондан

приодеться *сов. разг.* худро аз либос (аз пушок) таъмин кардан, ба худ либос харидан (ба даст овардан) // *(принарядиться)* худро бо либос ороиш (орову торо) додан, худро росту орост кардан

приозёрный, -ая, -ое наздикӯлӣ, ...и назди кӯл, ...и соҳили кӯл; ~ **край** кишвари наздикӯлӣ

приозерье *с* замини наздики кӯл (кулҳо)

приор *м* приор *(сарруҳонии монастири католикӣ)*

приоритет *м* 1. приоритет, аввалият, якумӣ, аввал будан(и) *(якумӣ ва пешқадамӣ дар кашфу ихтирооти илмӣ)* 2. *(преимущественное право, значение)* ҳаққи пешқадамӣ, ҳукми бартарӣ, афзалият

приосаниваться *несов. см.* **приосаниться**

приосаниться *сов. разг.* ба худ наму-ди ҷиддӣ додан, худро бовикор нишон додан

приостанавливание *с см.* **приостановка**

приостанавливать *несов. см.* **приостановить**

приостанавливаться *несов.* 1. *см.* **приостановиться;** 2. *страд.* боздошта шудан

приостановить *сов. кого-что* боздоштан, таваққуф кунондан, мавқуф гузоштан, муваққатан хобондан; ~ **работу** корро муваққатан хобондан; ~ **движение** ҳаракатро боздоштан (қатъ кардан); ~ **кровотечение** [ҷараёни] хунро боздоштан

приостановиться *сов.* таваққуф кардан, муддате истодан, бозистодан, қатъ шудан

приостановка *ж (по знач. гл.* **приостановить)** боздоштан(и), таваққуф кунондан(и); *(по знач. гл.* **приостановиться)** бозистодан(и), қатъ шудан(и)

приостановление *с см.* **приостановка**

приотворить *сов. что* андак кушодан, нимбоз (нимроғ) кардан, каме во (боз, яла) кардан; ~ **дверь** дарро андак кушодан

приотвориться *сов.* андак кушода (во, боз, яла) шудан, нимкоф (нимбоз, нимроғ) шудан

приотворять *несов. см.* **приотворить**

приотворяться *несов.* 1. *см.* **приотвориться;** 2. *страд.* нимбоз карда шудан

приоткрывать *несов. см.* **приоткрыть**

приоткрываться *несов.* 1. *см.* **приоткрыться;** 2. *страд.* нимбоз карда шудан

приоткрыть *сов. что* андак кушодан, каме во (боз, яла) кардан, нимбоз (нимроғ, нимкоф) кардан; ~ **окно** тирезаро андак боз кардан ◇ ~ **завесу** пардаи сирру асрорро кушодан, пардаи асрор бардоштан

приоткры||ться *сов.* андак кушода (во, боз, яла) шудан, нимбоз (нимроғ, нимкоф) шудан; **дверь** ~**лась** дар нимбоз шуд

приотставать *несов. см.* **приотстать**

приотстать *сов. разг.* андак ақиб мондан, каме дер мондан, қадре дер афтодан

приохотить *сов. кого разг.* шавқу ҳавас пайдо кунондан, ҳавасманд (шавкманд) кардан, марок зоҳир кунондан; ~ **ребёнка к чтению** бачаро ба китобхонӣ шавкманд кардан

приохотиться *сов. разг.* ҳавасманд шудан, шавқманд гардидан, шавқ (ҳавас, майлу рағбат) пайдо кардан, марок зоҳир кардан; ~ **к чтению** ба китобхонӣ ҳавасманд шудан

приохочивать *несов. см.* **приохотить**

приохочиваться *несов.* 1. *см.* **приохотиться;** 2. *страд.* ҳавасманд карда шудан

притво́рн||ый, -ая, -ое (притво́р|ен, -на, -но) бардурӯғ, сохта, сохтакор(она), риёкор(она); ~**ые слёзы** ашки бардуруғ; ~**ое равноду́шие** бепарвоии сохтакорона

притво́рство *с* бардуруғӣ, сохтакорӣ, риё, риёкорӣ

притво́рствовать *несов. уст. см.* **притворя́ться** II

притво́рщик *м* сохтакор, риёкор

притво́рщица *женск. к* **притво́рщик**

притворя́ть *несов. см.* **притвори́ть**

притворя́ться I *несов.* 1. *см.* **притвори́ться** I; 2. *страд.* нимкоф пушонда шудан

притворя́ться II *несов. см.* **притвори́ться** II

притека́ть *несов. см.* **притёчь**

притемни́ть *сов. что* андак торик кардан, каме хира (тира) кардан

притемня́ть *несов. см.* **притемни́ть**

притере́ть *сов. что* соида (совиш дода) тиққондан; ~ **про́бку к буты́лке** пӯкии шишаро соида тиққондан

притере́ться *сов. прост.* совиш хӯрда даромадан

притерпе́ться *сов. к чему и без доп.* одат кардан, ху гирифтан, тоқат карда омухта шудан (*ба чизи ногувор, нобоб*); ~ **к бо́ли** ба дард тоб оварда одат кардан

притёрт||ый, -ая, -ое *прич., прил.* соидашуда, соида (зич) тиққондашуда; ~**ая про́бка** пӯки соида тиққондашуда

притеса́ть *сов. что* ранда карда соз (васл) кардан, ранда карда бо ҳамдигар баробар кардан, тарошида боб кардан; ~ **брёвна друг к дру́гу** ғӯлачӯбҳоро ранда карда ба якдигар васл кардан

притесне́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **притесни́ть**) зулм (ситам, ҷабр) кардан(и) 2. зулм, ситам, ҷабр, тааддӣ, фишор, бедодгарӣ

притесни́тель *м* золим, ситамгар, бедодгар, ҷафокор

притесни́ть *сов. кого-что* зулм (ситам, ҷабр) кардан, тазьиқ додан, фишор овардан, бедодгарӣ (тааддӣ) кардан

притесня́ть *несов. см.* **притесни́ть**

притесня́ться *несов. страд.* зулм карда шудан

притёсывать *несов. см.* **притеса́ть**

притёчь *сов.* ҷорӣ шуда (шорида) омадан, рехта омадан (расидан) // *перен.* пайдо шудан, об барин омадан

притира́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **притира́ть** *и* **притира́ться**) молиш, молидан(и) 2. марҳами молиданӣ, доруи (равғани) молиданӣ

притира́ть *несов.* 1. *см.* **притере́ть**; 2. *что* молидан, ба пӯст (ба рӯй) молидан, баданро (танро) молидан; ~ **лицо бели́лами** ба рӯй сафедӣ молидан

притира́ться *несов. разг.* 1. ба пӯсти (ба рӯи) худ молидан, ба бадани (ба тани) худ молидан; ~ **бели́лами** сафедӣ молидан 2. *страд.* молида шудан

прити́рка *ж* 1. (*по знач. гл.* **притира́ть**) *разг. и тех.* соиш, совиш 2. *тех.* соиш (*пардози механикии детальҳо барои ба як андоза сохтан ва суфта кардани сатҳи онҳо*) 3. *прост. см.* **притира́ние** 2

прити́рочный, -ая, -ое *тех.* ...и соиш, ...и совиш

прити́скивать *несов. см.* **прити́снуть**

прити́скиваться *несов.* 1. *см.* **прити́снуться**; 2. *страд.* зер карда шудан

прити́сну||ть *сов. кого-что разг.* зер (пахш, зич, танг) кардан, фушурдан, фишор додан; **толпа́** ~**ла его́ к забо́ру** анбуҳи мардум уро ба тарафи девор танг карданд

прити́снуться *сов.* зер (пахш, зич, танг) шудан, фушурда шудан, фишор хӯрдан; ~ **к стене́** ба девор фишор хӯрдан

притиха́ть *несов. см.* **прити́хнуть**

прити́хнуть *сов.* ором гирифтан (шудан), хомуш (сокит) шудан, дам шудан; **ребёнок прити́х** бача ором шуд паст (бас, хомӯш) шудан, мондан; **разгово́р прити́х** гуфтугӯ хомӯш шуд; **дождь прити́х** борон монд

приткну́ть *сов. прост.* 1. *что (приколоть)* бо сӯзан (бо сарсӯзан) халонда мондан 2. *что (пристроить)* навъе карда дар шафат сохтан, бо як илоҷе ҷойгир кардан 3. *кого перен.* дароварда мондан, ҷойгир кунондан

приткну́ться *сов.* 1. *разг.* сар халондан, сар даровардан, ҷойгир шудан; ~ **в уголке́** дар як гуша ҷойгир шудан, бо илоҷе аз як гуша ҷой гирифтан // *(найти пристанище)* паноҳ бурдан, сарпаноҳ (паноҳгоҳ) ёфтан, қароргоҳ пайдо кардан; ~ **на́ ночь** ҷои хоб дарьёфтан 2. *перен. прост. (на службу и т. п.)* илоҷе карда ба кор даромадан

прито́к *м* 1. ҷараён, зиёдшавӣ, фишор, ҷорӣ шуда (шорида) омадан(и), даромадан(и); ~ **кро́ви** зиёдшавии миқдори хун, афзудани фишори хун; ~ **свѐжего во́здуха** даромадани ҳавои тоза 2. *перен.* хуруҷ, авҷ, авҷу барор, ҷушиш, шиддат, афзоиш; ~ **сил** авҷу барори қувва, афзоиши қувва 3. *геогр.* шохоб, шохаи дарьё

притолка́ть *сов. кого-что прост.* тела (такон) дода овардан, тела (такон) дода наздик кардан (овардан)

притолкну́ть *сов. кого-что прост.* андак тела додан, каме тела дода наздик кардан (овардан)

при́толока *ж* болодарӣ

прито́м *союз присоед.* ғайр аз ин, илова бар ин, ба болои ин, зимнан

притоми́ть *сов. кого-что прост.* хаста (монда, лакот, ҳалок, кӯфта) кардан, беҳол (бемадор) кардан; ~ **лошаде́й бы́строй ездо́й** аспҳоро давонда лакот кардан

притоми́ться *сов. прост.* хаста (монда, лакот, ҳалок, куфта) шудан, беҳол (бемадор) шудан

притомля́ть *несов. см.* **притоми́ть**

притомля́ться *несов.* 1. *см.* **притоми́ться**; 2. *страд.* хаста карда шудан

прито́н *м* фасодхона, дуздхона, тарьёкхона; **воровско́й** ~ дуздхона, манзили (бошишгоҳи) дуздон; **иго́рный** ~ қиморхона

прито́пнуть *сов. чем и без доп.* по бар замин кӯфтан, покубӣ (почакзанӣ) кардан, пой кӯфтан (задан); ~ **ного́й** по бар замин куфтан, пой (пояк, почак) задан

притопта́ть *сов. что* поймол (пахш, зерипо, лагадмол, лагадкӯб) кардан, бо пой зер (пахш) кардан

притопта́||ться *сов. разг.* поймол (пахш, зер, зерипо, лагадмол, лагадкуб) шудан; **трава́** ~**лась** алаф поймол шудааст

прито́пывать *несов.* 1. *см.* **прито́пнуть**; 2. *чем* по бар замин куфтан, покубӣ кардан, пояксанӣ (почакзанӣ) кардан *(мувофиқи оҳанги мусиқӣ)*

притора́чивать *несов. см.* **приторочи́ть**

притора́чиваться *несов. страд.* ба пушти зин баста шудан

приторгова́ть *сов. что разг.* нархталошӣ кардан, савдо кардан

приторгова́ться *сов. разг.* нархро (қиматро) фаҳмидан, нарху наворо муайян кардан

приторго́вывать *несов.* 1. *см.* **приторгова́ть**; 2. *чем и без доп. разг.* гоҳ-гоҳ савдогарӣ (тиҷорат) кардан, баъзан бо харидуфуруш (бо савдо) машғул шудан

приторго́вываться *несов. см.* **приторгова́ться**

притормáживать *несов. см.* **притормози́ть**

притормози́ть *сов. что и без доп.* суръатро (ҳаракатро) сусттар кардан, андак тормоз додан

при́торно *нареч.* 1. аз ҳад зиёд ширин, ғализ; ~ **сла́дкий чай** қандчои ғализ 2. *перен.* мулоимхунукона; ~ **улыбаться** мулоимхунукона табассум кардан

при́торность *ж* ғализӣ, ғализ (бағоят ширин) будан(и), аз ҳад зиёд равғанин будан(и)

при́торн||ый, -ая, -ое (при́тор|ен, -на, -но) 1. ғализ, бағоят ширин, аз ҳад зиёд равғанин; ~**ое варе́нье** мураббои ғализ 2. *перен.* мулоимхунук(она), дилбазан, нофорам, гоч; ~**ая улы́бка** табассуми мулоимхунукона

приторочи́ть *сов. что воен., охот.* ба пушти зин бастан (маҳкам кардан)

приточи́ть *сов. что* тарошида бо якдигар соз (васл) кардан

прито́чка *ж (по знач. гл.* **приточи́ть**) тарошида соз (васл) кардан(и)

прито́чный, -ая, -ое ...и шохоб, ...и шохаи дарьё

притра́ва *ж* 1. *(по знач. гл.* **притрави́ть**) сайдгир кардан(и), сайдгириро омухтан *(оид ба саг, боз, бургут)* 2. *охот., рыб. см.* **прива́да**

притрави́ть *сов. кого охот.* ба гирифтани сайд (шикор) омухтан

притра́вливать *несов. см.* **притрави́ть**

притра́гиваться *несов. см.* **притро́нуться**

притро́ну||ться *сов. к кому-чему, до кого-чего* даст задан (расондан), даст-даст кардан, ламс кардан, палмосидан // *чаще с отриц. «не»* чашидан, хурда [таъмашро] дидан, намак чашидан; **он не** ~**лся к еде́** ӯ ба хӯрок даст нарасонд, у намаки хурокро ҳам начашид (надид)

притруси́ть I *сов. прост. что* андак пошидан

притруси́ть II *сов. прост.* лӯкка рафта омадан

притули́ться *сов. прост. к чему* такья кардан, пушт додан

притупи́ть *сов. что* 1. кунд (нобурро) кардан; ~ **нож** кордро кунд кардан 2. *перен.* хира кардан, суст (заиф) кардан

притупи́||ться *сов.* 1. кунд (нобурро) шудан; **нож** ~**лся** корд кунд шуд 2. *перен.* хира шудан, суст (заиф) шудан, камқувват шудан; **у него́** ~**лась па́мять** кувваи ҳофизааш суст шудааст, зеҳнаш кунд шудааст

притупле́ние *с (по знач. гл.* **притупи́ть**) суст (заиф) кардан(и); *(по знач. гл.* **притупи́ться**) суст (заиф) шудан(и), камқувват шудан(и)

приту́пленность *ж* хирагӣ, сустӣ, заифӣ, камқувватӣ

приту́пленный, -ая, -ое 1. *прич.* кундшуда 2. *прил.* хира, суст, заиф, оҷиз, камнур, камқувват; ~ **слух** гуши вазнин

притупля́ть *несов. см.* **притупи́ть**

притупля́ться *несов.* 1. *см.* **притупи́ться**; 2. *страд.* кунд карда шудан

притуха́ть *несов. см.* **приту́хнуть**

приту́хнуть *сов. разг.* тира (хира) шудан, хомуш шудан

притуши́ть *сов. что прост.* паст кардан, фуру нишондан, хомуш кардан; ~ **ла́мпу** пилтаи чароғро паст кардан; ~ **костёр** оташи гулханро фуру нишондан

при́тч||а *ж* 1. *книжн.* масал, матал, тамсил, ҳикояи тамсилӣ 2. *разг. в вопр. и воскл. предл.* муаммо, аъҷуба; **что за** ~**а!** ин чӣ аъҷубаест! ◇ **быть** ~**ей во язы́цех** вирди забонҳо шудан, забонзадӣ (оби даҳани) мардум шудан

притыка́ть *несов. см.* **приткну́ть**

притяга́тельность *ж* ҷозибадорӣ, ҷозибанокӣ, қувваи ҷозиба

притяга́тельный, -ая, -ое (притяга́те|лен, -льна, -льно) ҷозиб, ҷозибадор, ҷазбкунанда, ҷалбкунанда, дилкаш

притя́гивать *несов.* 1. *см.* **притяну́ть**; 2. *кого-что перен.* ба худ кашидан, ҷазб (ҷалб) кардан, дили *касеро* ёфтан (бурдан)

притя́гиваться *несов.* 1. *см.* **притяну́ться**; 2. *страд.* кашида шудан

притяжа́тельн||ый, -ая, -ое *грам.* соҳибӣ; ~**ое местоиме́ние** ҷонишини соҳибӣ

притяже́ни||е *с* ҷозиба, кувваи ҷозиба, ҷозибият, кашиш; **закон всеми́рного** ~**я** қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ

притяза́ние *с* иддао, даъво, талаб; ~ **на насле́дство** даъвои мерос // кушиш, даъво; **она оде́та с** ~**м на мо́ду** либосаш гуё аз руи муд аст

притяза́тельный, -ая, -ое (притяза́те|лен, -льна, -льно) сериддао, сердаъво, серталаб; калонгирона, ҳавобаландона; ~ **тон** оҳанги калонгирона

притяза́ть *несов. на кого-что книжн.* иддао (даъво, талаб) кардан, хостан, дархост кардан, тарошидан; ~ **на насле́дство** даъвои мерос кардан, мерос талаб кардан; ~ **на остроу́мие** даъвои ҳозирҷавобӣ кардан, худро гапдон тарошидан

притяну́ть *сов.* 1. *кого-что* кашидан, наздик (кашола) кардан, кашола карда овардан, кашон-кашон (кашолакунон) овардан; ~ **ло́дку к бе́регу** қанкро кашола карда ба соҳил наздик овардан // *что* кашидан, ҷалб (ҷазб) кардан *(бо қувваи ҷозиба ва ғ.)* 2. *к чему перен. разг.* кашидан, ҷазб (ҷалб) кардан; ~ **к отве́ту** ба ҷавобгарӣ (ба масъулият) кашидан ◇ ~ **за́ волосы (за́ уши)** *что* бемаврид ба кор бурдан *(ягон далели ночаспонро)*

притяну́ться *сов.* кашола шуда омадан (расидан), наздик шудан, қариб омадан // кашида шудан, ҷалб (ҷазб) шудан *(бо қувваи ҷозиба ва ғ.)*

приубра́ть *сов. что разг.* каме ҷо ба ҷо (рубучин) кардан; қадре ороиш

(зинат) додан; ~ ко́мнату хонаро рубучин кардан

приубра́ться *сов. см.* **приубрать**

приуда́рить *сов.* 1. *кого-что, чем* андак задан (куфтан), қадре лат кардан 2. *прост. (быстро побежать)* тез тохтан (давидан), ҳадаҳа (зуд) роҳи гурезро пеш гирифтан, фирор кардан, дартоз гурехтан 3. *за кем прост.* аз дунболи зане афтидан, ишқбозӣ (ишқварзӣ) кардан

приударя́ть *несов. см.* **приуда́рить**

приудержа́ть *сов. кого-что разг.* андаке нигоҳ доштан, боздоштан; ~ **ло́шадь** аспро нигоҳ доштан, аспро лаҷом кашидан // *что перен.* суст кардан, шасти *чизеро* гардондан

приуде́рживать *несов. см.* **приудержа́ть**

приукра́сить *сов.* 1. *что* андаке оростан, қадре ороиш (зеб) додан, як қадар зинат додан; ~ **ко́мнату** хонаро ороиш додан 2. *кого-что перен.* обуранг (пардоз) дода гуфтан, ба гап ҷома пушондан; аз будаш зиёд кардан, муболиға (муҳобот) кардан

приукра́ситься *сов. разг.* худро ороиш (орою торо, зебу зинат) додан, худро росту орост кардан, либоси нав (ҷойравак) пушидан // *(стать красивым, нарядным)* ороста шудан, ороиш (зебу зинат) ёфтан

приукраша́ть *несов. см.* **приукра́сить**

приукраша́ться *несов.* 1. *см.* **приукра́ситься**; 2. *страд.* андаке ороста шудан

приукра́шивать(ся) *несов. см.* **приукраша́ть(ся)**

приуле́||чься *сов. разг.* каме таскин (тасалло) ёфтан, андак паст шудан, қадре хомӯш (сокит, ором) шудан; **волне́ние** ~**гло́сь** ҳаяҷон паст шуд (таскин ёфт)

приуменьша́ть *несов. см.* **приуме́ньши́ть**

приуменьша́ться *несов. страд.* андак кам карда шудан

приуменьше́ние *с* (*по знач. гл.* **приуме́ньши́ть**) камтар (майдатар, хурдтар) кардан(и), костан(и)

приуме́ньши́ть *сов. что* камтар (майдатар, хурдтар) кардан, костан

приумножа́ть *несов. см.* **приумно́жить**; ~ **обще́ственную со́бственность** моликияти ҷамъиятиро афзудан

приумножа́ться *несов.* 1. *см.* **приумно́житься**; 2. *страд.* боз ҳам зиёд карда шудан

приумноже́ние *с* (*по знач. гл.* **приумно́жить**) зиёд кардан(и), афзун кардан(и); (*по знач. гл.* **приумно́житься**) афзоиш, афзоиш ёфтан(и), афзудан(и)

приумно́жить *сов. что* боз ҳам зиёд кардан, зиёдтар (бисьёртар) кардан, мӯл(тар) кардан, афзун (фаровон) кардан, афзоиш додан

приумно́житься *сов.* зиёдтар (бисьёртар) шудан, мӯл(тар) шудан, афзун (фаровон) шудан, афзудан

приумолка́ть *несов. см.* **приумо́лкнуть**

приумо́лкнуть *сов. разг.* андаке дам (сокит, хомуш) шудан, дам фурӯ бурдан, хомушӣ ихтиёр кардан

приуны́||ть *сов. разг.* андуҳгин (ғамгин, зиқ, маҳзун) шудан, димоғсухта шудан, руҳафтода шудан; **он немно́го** ~**л** қадре кайфаш парид, ӯ андак ғамгин шуд

приуро́чивать *несов. см.* **приуро́чить**

приуро́чиваться *несов. страд.* баробар оварда шудан

приуро́чить *сов. что к чему* баробар (мувофиқ, мутобиқ, рост) овардан; ~ **изда́ние кни́ги к юбиле́ю писа́теля** нашри китобро ба ҷашни нависанда рост овардан

приуса́дебный, -ая, -ое ...и назди ҳавлӣ, ...и пеши ҳавлӣ, наздиҳавлигӣ; ~ **уча́сток** майдончаи (замини) назди ҳавлӣ, замини руи дарича

приуста́ть *сов. разг.* андак хаста (монда, ҳалок, куфта, лакот) шудан

приутиха́ть *несов. см.* **приути́хнуть**

приути́хнуть *сов.* сусттар (оромтар) шудан, паст шудан, хомуш шудан, таскин ёфтан; **ве́тер приути́х** шамол паст шуд (монд) // *(приумолкнуть)* хомуш (сокит) шудан, дам шудан

приуча́ть *несов. см.* **приучи́ть**

приуча́ться *несов.* 1. *см.* **приучи́ться**; 2. *страд.* омӯхта шудан

приуче́ние *с* (*по знач. гл.* **приучи́ть**) омӯхта кардан(и), ёддиҳӣ, одаткунонӣ; (*по знач. гл.* **приучи́ться**) омӯхта шудан(и), ёд гирифтан(и), одат кардан(и)

приучи́ть *сов. кого-что* омӯхтан, омӯхта кардан (кунондан), ёд додан, одат кунондан, хӯ гирондан; ~ **себя́ к хо́лоду** худро ба хунукӣ одат кунондан; ~ **дете́й ра́но встава́ть** бачаҳоро ба саҳархезӣ (барвақт хестан) омухта кардан

приучи́ться *сов.* омӯхтан, омӯхта шудан, ёд гирифтан, одат кардан, хӯ гирифтан

прифранти́ться *сов. разг.* худро орою торо додан, худро росту орост кардан, худро олуфта кардан, либоси зебо пушидан

прифронтов||о́й, -а́я, -о́е ...и назди фронт (ҷабҳа), ...и пеши хатти ҷабҳа; ~**а́я полоса́** минтақаи назди фронт

прихва́лива||ть *несов. что и без доп. разг.* таъриф (ситоиш, мадҳ) кардан; **он ест да** ~**ет** у хурда-хурда таъриф мекунад

прихва́рывать *несов.* баъзан бемор шудан, гоҳ-гоҳ касал шудан, гоҳо бетоб шудан, гоҳ-гоҳ нохуш (нотоб) шудан

прихвастну́ть *сов. разг.* каме манманӣ кардан, лоф задан; **он люби́л** ~ **свои́ми успе́хами** у аз муваффақиятҳои худ лоф заданро дуст медошт

прихва́стывать *несов. см.* **прихвастну́ть**

прихвати́ть *сов. разг.* 1. *кого-что* гирифтан, зер карда гирифтан, забт кардан; ~ **зуба́ми ко́нчик ни́тки** нуги ресмонро бо дандон газида гирифтан 2. *что* бастан, маҳкам кардан; ~ **во́лосы ле́нтой** муйсарро бо тасма бастан 3. *кого-что, чего* бо (хамроҳи) худ гирифтан; ~ **зонт, идя́ на прогу́лку** ҳангоми ба гардиш баромадан бо худ чатрро гирифтан (бурдан) 4. *что, чего* ба даст даровардан, ёфтан, дарьёфт (пайдо) кардан; ~ **де́нег** пул дарьёфт кардан 5. *что* андак хунук занондан, андак ях бандондан (кунондан) // *чаще безл.* хунук задан; **цветы́ прихвати́ло моро́зом** гулҳоро хунук зад 6. *прост. кого-что* ба дард гирифтор шудан

прихва́тывать *несов. см.* **прихвати́ть**

прихва́тываться *несов. страд.* гирифта шудан

прихворну́ть *сов. разг.* андак бемор (касал, бетоб, нотоб, нохуш) шудан

при́хвостень *м разг. бран.* думрав, думбардор, хушомадгӯй

прихлеба́тель *м разг.* косалес, лаганбардор, чоплус, туфайлихур

прихлеба́тельский, -ая, -ое *разг.* косалесона, лаганбардорона, чоплусона, туфайлихурона

прихлеба́тельство *с разг.* косалесӣ, лаганбардорӣ, чоплусӣ, туфайлихӯрӣ

прихлебну́ть *сов. однокр. к* **прихлёбывать**

прихлёбывать *несов. что разг.* хӯрт (хуп) кашидан, шӯлӯп-шулуп (чалп-чалп, фурт-фурт) хурдан

прихлестну́||ть *сов.* 1. *кого-что* оварда партофтан, наздик кардан (овардан); **волно́й** ~**ло ло́дку к бе́регу** латмаи мавҷ завраҳро ба соҳил партофт 2. *что (привязать)* бастан, гиреҳ карда бастан (*бо тасма, миёнбанд ва ғ.*) 3. *однокр. к* **прихлёстывать**

прихлёстывать *несов. кого разг.* гоҳ-гоҳ бо қамчин задан, оҳиста лат кардан; ~ **ло́шадь кнуто́м** аспро гоҳ-гоҳ бо тозиёна оҳиста задан

прихло́пнуть *сов.* 1. *что, по чему, чем* сахт задан, кӯфтан; ~ **каблука́ми** по бар замин куфтан, сахт пошна задан 2. *что* сахт бастан, тараққос занонда бастан, маҳкам пӯшидан (пушондан); ~ **дверь** дарро тараққос занонда пӯшондан 3. *кого-что разг.* зер (пахш) кардан, мағзи *чизе* мондан; ~ **па́лец две́рью** ангушт мағзи дар мондан 4. *что перен. прост.* манъ кардан, бастан 5. *кого прост. (убить)* куштан, зада куштан, нест кардан

прихло́пыва||ть *несов.* 1. *см.* **прихло́пнуть**; 2. даст (чапак, каф, қарсак) задан, кафзанӣ кардан; **во вре́мя та́нца зри́тели** ~**ли в ладо́ши** тамошобинон дар вақти рақс баробар чапак мезаданд, тамошобинон мувофиқи усули рақс баробар каф мезаданд

прихлы́ну||ть *сов.* шорида омадан, лаппас зада бархурдан; **во́лны** ~**ли на бе́рег** мавҷҳо лаппас зада ба соҳил бархӯрданд // якбора ҳамла овардан (хуҷум кардан), якбора наздик шудан; **толпа́** ~**ла к воро́там** анбуҳи мардум якбора ба дарвоза ҳамла овард, издиҳом якбора ба дами дарвоза омад // *перен. (о чувствах)* фаро гирифтан

прихо́д *м* 1. (*по знач. гл.* **прийти́** 1, 2) омадан(и), расидан(и), ворид шудан(и), дохил шудан(и); ~ **к вла́сти** ба сари ҳокимият омадан(и); ~ **весны́** омадани (расидани) баҳор 2. *бухг.* даромад,

дахл, мадохил, воридот; гра́фы ~а и расхо́да моддаҳои дахлу харҷ (мадохилу махориҷ); записать на ~ ба дафтари даромад навиштан 3. *церк.* маҳалли (мавзеи) истиқомати қавми ягон калисо // *собир.* қавми ягон калисо 4. *ист.* хазинахона *(дар Россияи асрҳои 16—17)*

приходи́ть *несов. см.* **прийти́**

приходи́ться *несов.* 1. *см.* **прийти́сь**; 2. *кому* муносибати хеши доштан, хеш будан, хешу табор (ақрабо) будан; **кем он вам прихо́дится?** вай ба шумо кӣ (чӣ) мешавад?; **он приходится мне двоюродным бра́том** у амакбачаи (холабачаи) ман аст ◇ **год на́ год (день на́ день) не прихо́дится** ҳар сол (руз) як хел намешавад, ҳар руз ид нест, ки кулча (чалпак) хӯрӣ

прихо́дн||ый, -ая, -ое *бухг.* ...и даромад, ...и дахл, ...и мадохил, ...и воридот; ~**ая кни́га** дафтари даромад (мадохил)

прихо́довать *несов. что бухг.* ба ҳисоби мадохил навиштан, даромад навиштан

прихо́до-расхо́дн||ый, -ая, -ое *бухг.* ...и мадохилу махориҷ, ...и дахлу харҷ; ~**ая кни́га** дафтари мадохилу махориҷ (дахлу харҷ)

прихо́дск||ий, -ая, -ое *церк.* ...и маҳалли истиқомати қавми ягон калисо, ...и мавзеи тобеи ягон калисо; ~**ий свяще́нник** кашиши (руҳонии) маҳалли; ~**ая шко́ла** мактаби ибтидоии тобеи калисо

приходя́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* оянда, меомадагӣ, мерасидагӣ 2. *прил.* омадараванда, ғайридоимӣ, омада мерафтагӣ; ~**ая домрабо́тница** хизматгорзани омадараванда

прихожа́нин *м церк.* шахсе аз қавми ягон калисо

прихожа́нка *женск. к* **прихожа́нин**

прихо́жая *ж* даҳлез, хонаи даромад, пойгаҳ

прихора́шивать *несов. кого-что разг.* оростан, зинат (орою торо) додан, росту орост кардан, зебо (хушру) кардан

прихора́шиваться *несов. разг.* худро оростан, худро зинат (орою торо) додан, худро росту орост кардан, ба худ зеб додан; ~ **пе́ред зе́ркалом** дар пеши оина худро орою торо додан

прихотли́во *нареч.* ба тарзи мураккаб (ғалатӣ), сертакаллуфона, мушкилписандона

прихотли́вость *ж* 1. нозукписандӣ, сернозунузӣ, сертакаллуфӣ, мушкилписандӣ, пуртавақҷуӣ; ~ **хара́ктера** сернозунуз будани хислат 2. серҳашамӣ, мураккабӣ, пурнақшунигорӣ; ~ **орна́мента** серҳашамии нақшу нигор

прихотли́в||ый, -ая, -ое (прихотли́в, -а, -о) 1. нозук, нозукписанд, сертакаллуф, нозуктабъ, сернозунуз; ~**ый челове́к** одами нозуктабъ; ~**ое расте́ние** растании нозук 2. серҳашам, мураккаб, пурнақшу нигор, ғалатӣ, аҷоиб; ~**ый узо́р** нақшу нигори мураккаб

при́хоть *ж* ҳавою ҳавас, орзую ҳавас, ноз, нозунуз, инҷиқӣ

прихра́мывание *с* (*по знач. гл.* **прихрамывать**) сабуклангӣ, шакарлангӣ

прихра́мывать *несов.* андак (сабук, саҳл) лангидан, шакарланг будан

прицве́тник *м бот.* баргаки зери гул, баргаки буни (думчаи) гул

прице́л *м* 1. (*по знач. гл.* **прице́лить** *и* **прице́литься**) нишон гирифтан(и), нишонгирӣ, ба ҳадаф рост кардан(и); **ли́ния** ~**а** хатти нишона 2. нишонгирак, ҳадафгирак *(дар аслиҳаи тирандозӣ)*; **опти́ческий** ~ нишонгираки оптикӣ ◇ **брать (взять) на** ~ *кого-что* 1) нишон (нишона) гирифтан, ба ҳадаф рост кардан, ба ҳадаф гирифтан 2) диққатро ба *касе, чизе* ҷалб кардан

прице́ливание *с см.* **прице́л** 1

прице́ливать(ся) *несов. см.* **прице́лить(ся)**

прице́лить *сов. что прост.* нишон (нишона) гирифтан, ба ҳадаф рост кардан, ба ҳадаф гирифтан; ~ **винто́вку** милтиқро ба ҳадаф рост кардан

прице́литься *сов.* нишон (нишона) гирифтан, ба ҳадаф рост кардан, ба ҳадаф қарор додан (гирифтан); ~ **и вы́стрелить** нишон гирифта тир холӣ кардан (паррондан) // *перен. разг.*ният (қасд) кардан, азм кардан, тасмим гирифтан ◇ ~ **гла́зом (взгля́дом)** чашм духтан; таги чашм кардан

прице́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и нишонгирак, ...и ҳадафгирак; ...и нишонгирӣ; ~**ое приспособле́ние** олати нишонгирӣ, нишонгирак 2. нишонгирона; ~**ая стрельба́** тирандозии нишонгирона

прице́ниваться *несов. см.* **прицени́ться**

прицени́ться *сов. разг.* нархро (қиматро) фаҳмидан, нарху наворо фаҳмидан, нархи *чизеро* пурсидан

прице́п *м* 1. (*по знач. гл.* **прицепить** 1) бастан(и), пайваст кардан(и) 2. ядак *(аробае, ки ба ягон воситаи нақлиётӣ худгард васл мешавад)*; **трактор с** ~**ом** трактори ядакдор

прицепи́ть *сов. что* 1. бастан, пайваст кардан; ~ **ваго́н к составу** вагонро ба қатори поезд бастан 2. *разг.* халонда (банд карда) мондан, банд (овезон) кардан

прицепи́||ться *сов.* 1. баста шудан, пайваст шудан // *перен. разг.* ҳамроҳ (қати) шудан, якҷоя шудан 2. часпидан, овезон шудан; **репе́йник** ~**лся к пла́тью** мушхор ба курта часпид // *перен. разг. (о болезни)* гузаштан, сироят кардан // *перен. разг. (привязаться)* чақидан, часпидан, шилқин шудан, безор кардан // *перен. разг. (придраться)* хурдагирӣ (эродгирӣ, айбҷуӣ) кардан, баҳонаҷуӣ кардан

прице́пка *ж* 1. *см.* **прице́п** 1; 2. *прост. см.* **прице́п** 2; 3. *разг. (крючок, петля)* чангак, чангакча, чангча, ҳалқа 4. *перен. разг. (придирка)* хурдагирӣ, эродгирӣ, нуктагирӣ, айбҷуӣ, баҳонаҷуӣ

прицепля́ть *несов. см.* **прицепи́ть**

прицепля́ться *несов.* 1. *см.* **прицепи́ться**; 2. *страд.* баста шудан

прицепно́й, -а́я, -о́е ядакӣ, басташаванда, пайвастшаванда; ~ **ваго́н** вагони ядакӣ

прице́пщик *м* бандкунанда, васлкунанда, пайвасткунанда *(коркуне, ки мошин ё туперо ба трактор мебандад)*

прице́пщица *женск. к* **прице́пщик**

прича́л *м* 1. (*по знач. гл.* **прича́лить**) ба истгоҳи бандар бастан(и); ба назди соҳил расида истодан(и) 2. истгоҳи киштӣ, ҷои киштибандӣ, сутуни (яккамехи) киштибандӣ, борандози бандар; **ка́тер подошёл вплотну́ю к** ~**у** катер омада ба бандар чафс истод 3. *(канат)* арғамчини киштибандӣ

прича́ливание *с см.* **прича́л** 1

прича́ливать *несов. см.* **прича́лить**

прича́ли||ть *сов.* 1. *что* ба соҳил овардан, ба истгоҳи бандар бастан; ~**ть ло́дку** қаиқро ба соҳил овардан 2. ба назди соҳил омадан (расида **истодан**); **парохо́д** ~**л к при́стани** киштӣ ба бандар расида истод

прича́льный, -ая, -ое 1. ...и киштибандӣ; ~ **канат** арғамчини киштибандӣ 2. ...и истгоҳи киштӣ, ...и ҷои киштибандӣ

прича́стие I *с грам.* сифати феълӣ

прича́стие II *с* 1. *уст. см.* **прича́стность**; 2. *церк.* *(обряд)* хурдани (чашидани) нону шароби табаррукии калисо *(яке аз маросимҳои калисои насронӣ)* 3. *церк.* *(вино с просвирой)* нону шароби табаррукии калисо

причасти́ть *сов. кого церк.* нону шароби табаррукии калисоро хӯрондан (чашондан)

причасти́ться *сов. церк.* нону шароби табаррукии калисоро хурдаи (чашидан)

прича́стник *м* 1. *уст.* дахлдор, алоқадор, нисбатдор, иштироккунанда, шарик 2. *церк.* касе, ки маросими хурдани (чашидани) нону шароби табаррукии калисоро ба ҷо меоварад

прича́стность *ж* дахлдорӣ, дахолат, алоқадорӣ, шарикӣ, мансубият; **ли́чная** ~ **к чему-л.** мансубияти шахсӣ ба коре

прича́стн||ый I, -ая, -ое (прича́ст|ен, -на, -но) дахлдор, алоқадор, нисбатдор, иштироккунанда, шарик; **быть** ~**ым к чему́-л.** ба чизе дахлдор будан, ба коре шарик будан

прича́стный II, -ая, -ое *грам.* ...и сифати феълӣ; ~ **оборо́т** ибораи сифати феълӣ

причаща́ть *несов. см.* **причасти́ть**

причаща́ться *несов.* 1. *см.* **причасти́ться**; 2. *страд.* нону шароби табаррукии калисоро хуронда шудан

причаще́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **причасти́ть**) хуронданн нону шароби табаррукии калисо; (*по знач. гл.* **причасти́ться**) хурдани нону шароби табаррукии калисо 2. *см.* **причастие** II 2

причём 1. *союз (при этом, к тому же)* илова бар ин, ғайр аз ин, зимнан, дар баробари ин, лекин, аммо; **он мно́го рабо́тает,** ~ **успева́ет заниматься и спо́ртом** у бисьёр кор мекунад ва дар айни замон ба варзиш ҳам фурсат меёбад 2. *нареч. (зачем, с какой стати)* чаро, барои чӣ, аз чӣ сабаб; **я о себе́ говорю́,** ~ **здесь ты?** ман дар хусуси

худам мегуям, аммо ин ба ту чӣ дахл дорад?, ман худамро мегӯям, туро ба ин чӣ кор?

причеса́ть *сов. кого-что* шона кардан, муйсарро оростан (тахт кардан); ~ **ребёнка** муйсари бачаро шона кардан; ~ **во́лосы** муйсарро шона кардан (оростан)

причеса́ться *сов.* мӯйсари худро шона кардан (ороста кардан)

причёска *ж* 1. (*по знач. гл.* **причеса́ть**) шона кардани муйсар; (*по знач. гл.* **причеса́ться**) мӯйсари худро шона кардан(и) 2. причёска, тарзи ороиши муйсар

причёсть *сов.* 1. *уст. см.* **причи́слить** 3; 2. *прост. см.* **присчита́ть**

причёсывание *с см.* **причёска** 1

причёсывать *несов. см.* **причеса́ть**

причёсываться *несов.* 1. *см.* **причеса́ться**; 2. *страд.* шона карда шудан

при́чет I *м обл. см.* **причита́ние** 2

при́чет II *м см.* **причт**

причётник *м церк.* узви хурди гурӯҳи рӯҳониёни калисо

причётнический, -ая, -ое *церк.* ...и узви хурди рӯҳониёни калисо

причи́н||а *ж* сабаб, ваҷҳ, боис; **уважи́тельная** ~**а** сабаби маъзур, сабаби ҷоиз; **смея́ться без** ~**ы** бесабаб (беҳуда) ханда кардан

причинда́лы *мк. мн. прост.* асбобу анҷом, лавозимот, лаҷу луқ, лашу луш дову дастгоҳ (*одатан ба тариқи шӯхӣ*)

причине́ние *с* (*по знач. гл.* **причини́ть**) расондан(и), овардан(и), додан(и); ~ **убы́тков** зараррасонӣ

причини́ть *сов. что* расондан, овардан, додан, боис (сабаб) шудан; ~ **убы́тки** зиён расондан (овардан); ~ **беспоко́йство** ба ташвиш андохтан, ташвиш (заҳмат) додан; **прости́те, что причини́л вам беспоко́йство** бубахшед, ки боиси ташвиши шумо шудам

причи́нность *ж филос.* сабабият, боисият

причи́нн||ый, -ая, -ое 1. *филос.* ...и сабаб, ...и боис, сабабдор, сабабгор 2. *грам.* ...и сабаб; ~**ые прида́точные предложе́ния** ҷумлаҳои пайрави сабаб

причиня́ть *несов. см.* **причини́ть**

причиня́ться *несов. страд.* расонда шудан

причисле́ние *с* (*по знач. гл.* **причи́слить**) ҳисоб карда зам (илова) кардан(и); шумурдан(и)

причи́слить *сов.* 1. *что* ба ҳисоби *чизе* даровардан (гузарондан), ҳисоб карда зам (илова) кардан 2. *кого* (*определить, назначить*) таъин кардан, оид кардан 3. *кого-что* ҳисоб кардан, шумурдан, ба гурӯҳе (ба қаторе) даровардан (гузарондан), нисбат додан, мансуб кардан; ~ **к со́нму** *кого* ба тоифае даровардан

причисля́ть *несов. см.* **причи́слить**

причисля́ться *несов. страд.* ҳисоб карда шудан

причита́льщица *ж* навҳагар, марсиягуй, овозандоз

причита́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **причитать**) навҳагарӣ, навҳагуӣ, марсияхонӣ, овозандозӣ 2. (*плач*) навҳа, марсия, нола

причита́ть *несов.* навҳа кардан (сурудан, гуфтан), марсия хондан, овоз андохтан, нола (нолиш) кардан

причита́||ться *несов. кому* ба пардохтан (ба гирифтан, ба додан) оид будан (*дар бораи пул, музд ва ғ.*); **за рабо́ту мне** ~**ется сто рубле́й** ба ман бояд сад сум ҳаққи хизмат дода шавад, музди корам сад сум мешавад

причи́тывать *несов. разг. см.* **причита́ть**

причмо́кивание *с* (*по знач. гл.* **причмо́кнуть**) баҳ-баҳ (бай-бай, паҳ-паҳ) гуфтан(и); (*звуки*) баҳ-баҳ, бай-бай, паҳ-паҳ

причмо́кивать *несов. см.* **причмо́кнуть**

причмо́кнуть *сов.* баҳ-баҳ (бай-бай, паҳ-паҳ) гуфтан; мач-мач кардан, лаб ба лаб задан; ~ **губа́ми** бай-бай гуфтан; ~ **от удово́льствия** аз ҳузуру ҳаловат (аз кайф) лаб ба лаб задан

причт *м церк.* гурӯҳи рӯҳониёни калисо

при́чтовый, -ая, -ое *церк.* ...и гурӯҳи рӯҳониёни калисо

причу́да *ж* хислати (феъли) аҷоиб, кирдору рафтори аҷибу гариб; **он челове́к с** ~**ми** у одами аҷоибфеъл аст, ӯ феълу хуи аҷибу ғариб дорад

причу́ди||ться *сов. кому и без доп. разг.* намудор шудан, намудан, ба назар (дар хаёл) намудор гардидан (намудан); **э́то тебе́ от стра́ха** ~**лось** аз тарс ба назарат чунин намудааст

причу́дливо *нареч.* аҷиб, аҷибу гариб, аҷоибу ғароиб, ғалатӣ, турфакорона

причу́дливость *ж* аҷибӣ, аҷоибӣ, аҷибу ғарибӣ, турфакорӣ

причу́длив||ый, -ая, -ое (причу́длив, -а, -о) 1. аҷиб, аҷоиб, аҷибу ғариб, аҷоибу ғароиб, ғалатӣ, турфакор, муракқаб; ~**ые узо́ры** нақшу нигори аҷоиб (ғалатӣ) 2. *разг.* (*капризный, с прихотями*) инҷиқ, сернозунуз, нозуктабъ

причу́дник *м разг.* одами ғалатӣ (аҷоиб, аҷибу ғариб); одами инҷиқ (сернозунуз, нозуктабъ)

причу́дница *женск. к* **причу́дник**

причу́дничать *несов. разг.* инҷиқӣ (нозунуз, нозуктабъӣ) кардан

причу́ять *сов. кого-что охот.* бӯй карда шинохтан (*дар бораи саг*)

пришабривать *несов. см.* **пришабрить**

пришабриваться *несов. страд.* суфта карда шудан

пришабрить *сов. что тех.* бо сӯҳон тарошида суфта (ҳамвор) кардан, суҳон кардан, суфта кардан

пришага́ть *сов. разг. шутл.* қадам монда омадан

пришаркивать *несов. см.* **пришаркнуть**

пришвартова́ть *сов. что мор., ав.* ба истгоҳ (ба бандар) баста мондан; ~ **парохо́д** киштиро ба истгоҳ баста мондан

пришвартова́ться *сов. мор., ав.* ба истгоҳ (ба бандар) баста шудан

пришварто́вывать *несов. см.* **пришвартовать**

пришварто́вываться *несов.* 1. *см.* **пришвартова́ться**; 2. *страд.* ба истгоҳ баста шудан

пришелец *м* мусофир, ғариб, одами беруна (бегона), муҳоҷир, мусофир

пришепётывать *несов. разг.* андак ш-ш гуфта гап задан, шаф-шаф карда гап задан, бо талаффузи нуқсдор гап задан

пришёптывать *несов. что и без доп. разг.* дар асвои коре (амале) пичир-пичир (миш-миш) кардан

пришёствие *с книжн.* вуруд, зуҳур, пайдоиш, омадан(и), расидан(и) ◇ **второ́е** ~ *ирон.* кай ки думи шутур ба замин расад

пришиба́ть *несов. см.* **пришиби́ть** 1

пришиби́ть *сов.* 1. *кого-что прост.* задан, зада куштан (маиб кардан, маҷруҳ кардан); **его пришиби́ло бревно́м** гулачуб уро зада маиб кард; ~ **ру́ку** дастро маиб кардан. дастро лат хӯрондан 2. *кого перен. разг.* аз ҷон безор (сер) кардан, руҳафтода (афсурдахотир) кардан; **го́ре совсе́м пришиби́ло его́** гаму ғусса уро тамоман афсурдахотир кард

пришиб́ленность *ж* рӯҳафтодагӣ, афсурдахотирӣ. талхкомӣ

пришиб́ленный, -ая, -ое 1. *прич.* зада маиб кардашуда 2. *прил. разг.* рӯҳафтода, афсурдахотир, талхком

пришива́ние *с* (*по знач. гл.* **приши́ть** 1, 2) ҳамроҳ (пайваст) карда духтан(и), духта часпондан(и), духта шинондан(и)

пришива́ть *несов. см.* **приши́ть**

приши́вка *ж см.* **пришива́ние**

пришивно́й, -ая, -ое пайваст духташуда, часпонда духташуда, якҷоя духташуда; ~ **воротни́к** гиребони пайваст духташуда

приши́ть *сов.* 1. *что* ҳамроҳ (пайваст) карда духтан, духта часпондан, шинондан; ~ **пу́говицу** тугма шинондан 2. *что* мех зада часпондан, мех кардан (задан, куфтан), мехкуб кардан; ~ **до́ски** тахтаҳоро мех зада часпондан 3. *что кому-чему перен. прост.* (*обвинить*) туҳмат кардан (задан), бардурӯғ (ноҳақ, нодуруст) айбдор кардан 4. *кого груб. прост.* куштан, мирондан, зада куштан

пришко́льный, -ая, -ое ...и назди мактаб, наздимактабӣ; ~ **уча́сток** майдони назди мактаб

пришлёпнуть *сов.* 1. *кого-что разг.* зер (пахш) кардан, зер (пахш, маҷақ) карда куштан; ~ **му́ху** магасро маҷақ карда куштан 2. *что прост.* зер (пахш) кардан, мондан; ~ **печа́ть** мухр мондан (задан)

пришлёпывать *несов. см.* **пришлёпнуть**

пришлифова́ть *сов. что тех.* суфта карда дуруст (соз) кардан

пришлифо́вывать *несов. см.* **пришлифова́ть**

при́шлый, -ая, -ое ғариб, беруна, бегона, мусофир

пришоссе́йный, -ая, -ое ...и назди шоссе

пришпандо́ривать *несов. см.* **пришпандо́рить**

пришпандорить *сов.* 1. *что уст.* бо мех (мех зада) маҳкам кардан 2. *кого прост.* задан, куфтан, зарбу лат кардан, бо тозиёна задан

пришпиливать *несов. см.* **пришпилить**

пришпиливаться *несов. страд.* бо сузани бандак халонда шудан

пришпилить *сов. что* бо сузани бандак халондан, сарсузан гузарондан

пришпоривать *несов. см.* **пришпорить**

пришпорить *сов. кого* маҳмез задан; ~ **лошадь** аспро маҳмез задан // *перен. разг.* шитобондан, шитоб кунондан, хадаҳа кунондан

прищёлкивание *с* (*по знач. гл.* **прищёлкнуть**) қирс-қирс (қарс-қарс, қарсоқурс) кунондан(и), шикан-шикан кардан(и); (*звуки*) кирс-кирс, қарс-қарс

прищёлкивать *несов. см.* **прищёлкнуть**

прищёлкнуть *сов.* 1. *чем* қирс-қирс (қарс-қарс, қарсоқурс) кунондан (занондан), шикан-шикан кардан; ~ **пальцами** ангуштони дастро қирс-қирс кунондан, бо ангуштон шикан-шикан кардан 2. *что разг.* зер (пахш, маҷақ) кардан, фушурдан, чимдӣ кардан

прищеми||ть *сов. что* зер (пахш, маҷақ) кардан, фушурдан, чимдӣ кардан, пучидан; он ~л **палец дверью** ангушташ мағзи дар монд

прищемлять *несов. см.* **прищемить**

прищёп *м* 1. (*по знач. гл.* **прищепить**) исканапайванд кардан(и), навда (қаламча) пайванд кардан(и) 2. *сад.* пайвандгоҳ, чоки пайванд 3. *сад.* растании пайвандшуда (пайвандӣ), ниҳоли (дарахти) пайвандӣ

прищепить *сов. что сад.* пайванд кардан (бастан), исканапайванд кардан, муғча (навда, қаламча) пайванд кардан

прищепка *ж* чангак, чангчаи ҷомашуповезӣ

прищеплять *несов. см.* **прищепить**

прищепок *м* 1. *сад.* муғчаи (навдаи, қаламчаи) пайвандшаванда (пайвандӣ) 2. *см.* **прищепка**

прищипка *ж с.-х.* навдабурӣ, саракбурӣ, хомтоккунӣ

прищипнуть *сов. что с.-х.* навда (сарак) буридан, хомток кардан

прищипывание *с см.* **прищипка**

прищипывать *несов. см.* **прищипнуть**

прищур *м разг.*: **глаза с ~ом** чашмони нимпуш (нимкоф, нимроғ, нимбоз, нимво); **взглянуть с ~ом** бо чашмони нимпуш нигоҳ кардан

прищуривать(ся) *несов. см.* **прищурить(ся)**

прищурить *сов. что* нимпуш (нимкоф, нимроғ, нимбоз, нимво) кардан (*чашмро*); ~ **глаза** чашмони худро нимпуш (нимроғ) кардан

прищуриться *сов.* чашмони худро нимпуш (нимкоф, нимроғ, нимбоз, нимво) кардан

прищурка *ж прост. см.* **прищур**

прищучивать *несов. см.* **прищучить**

прищучить *сов. кого прост.* танбеҳ (сарзаниш) кардан, таҳдид кардан, дуғ задан

приют *м* 1. паноҳ, паноҳгоҳ, сарпаноҳ, маъво 2. *уст.* сағирхона, ятимхона; **детский** ~ сағирхона

приютить *сов. кого-что* паноҳ (сарпаноҳ) додан, ҷой додан

приютиться *сов.* паноҳ (паноҳгоҳ, сарпаноҳ, маъво) ёфтан // (*пристроиться*) ҷой гирифтан, ҷойгир шудан, қарор гирифтан

приютск||ий, -ая, -ое *уст.* ...и сағирхона, ...и ятимхона; ~**ое здание** бинои сағирхона; ~**ие дети** бачагони ятимхона

приязненный, -ая, -ое (приязнен, -на, -но) *книжн.* дустона, некхоҳ(она), хайрхоҳ(она)

приязнь *ж книжн.* дустӣ, улфат, некхоҳӣ, хайрхоҳӣ

приямок *м* чуқурӣ, чуқурча, заҳбур, обпарто

приятель *м* 1. дуст, рафиқ, ошно, ҷура 2. *обращ. разг.* дустам, ҷура, бародар (*дар аснои хитоб*)

приятельница *женск. к* **приятель** 1

приятельск||ий, -ая, -ое дустона, ...и дуст, ...и ошно, ...и ҷура; ~**ие отношения** муомилаи дустона, ҷурагӣ

приятельство *с разг.* дустӣ, ҷурагӣ

приятно 1. *нареч.* хуш, форам, гуворо, нағз, хуб, маъқул; ~ **пахнет** буи форам меояд 2. *в знач. сказ. безл. кому* хуш (форам, гуворо, хуб) аст; **мне было** ~ **встретить старого знакомого** бо ошнои қадим вохурдан барои ман хеле гуворо буд

приятность *ж* 1. хушӣ, форамӣ, гуворой, дилписандӣ, нағзӣ, маъқул будан(и) 2. *разг.* (*удовольствие*) хузур, ҳаловат, кайф, лаззат, мазза, сафо

приятн||ый, -ая, -ое (приятен, -на, -но) 1. хуш, форам, гуворо, дилписанд, хушмазза, лаззатбахш; ~**ая погода** ҳавои форам, обу ҳавои хуб; ~**ая новость** хабари хуш, мужда; ~**ый запах** бӯи хуш (форам), хушбӯй; ~**ый на вкус** хуштамъ, бамазза, лазиз, хушмазза // *в знач. сущ.* **приятное** *с* некӣ, нағзӣ, хубӣ; **сделать** ~**ое кому-л.** ба касе нағзӣ (некӣ) кардан 2. хушнамо, дилкаш, дилписанд; ~**ый человек** одами дилкаш (хушфеъл); **человек с** ~**ым лицом** одами ситорагарм (банамак), одами хушруй; ~**ая наружность** хушруйӣ, хушсуратӣ ◊ ~**ого аппетита!** ош шавад!, нуши ҷон кунед!

про *предлог с вин.* 1. (*относительно*) дар бораи..., дар (аз) хусуси..., дар ҳаққи..., дар бобати..., мутааллиқ ба... (*инчунин ба воситаи пешоянди «аз», бандаки изофаи «и» ва «-ро» ифода мешавад*); **он рассказал** ~ **свою поездку** у аз сафари худ нақл кард, у дар хусуси сафари худ ҳикоя кард; ~ **него все забыли** уро ҳама фаромуш кардаанд; **сказка** ~ **лису** афсонаи рубоҳ, қиссаи моҷарои рубоҳ 2. *уст. и прост.* (*для*) [аз] барои..., мувофиқи...; **это зрелище не** ~ **вас** ин намоиш [аз] барои шумо нест ◊ ~ **запас** эҳтиётан, ба рузи ҳоҷат, ба ҳар эҳтимол; чун захира; ~ **себя** 1) (*тихо, не вслух*) бо овози паст, хомушона 2) (*в душе, в уме*) дар дил, дар майна; **думать** ~ **себя** дар дил гуфтан, аз дил [фикр] гузарондан, худ ба худ гуфтан (фикр кардан); **читать** ~ **себя** дар дил хондан, дар дили худ хондан, **ни за что, ни про что** беҳуда, бедарак, бесабаб, беваҷҳ, бе ҳеҷ муносибат, ноҳақ

про- I *приставка* 1. *префиксест, ки дар аввали феълҳо омада, маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *амал ва ҳаракати гузариш ба воситаи задан, сурох кардан* — **прострелить** бо тир сурох кардан, тир задан; **протолкнуть** тиққондан, тела дода даровардан 2) *амале, ки дар натиҷаи он сурох, тарқиш, чуқурча пайдо мешавад* — **прогрызть** хоида сурох кардан; **просверлить** парма карда шикофтан; **проткнуть** халонда гузарондан (сурох кардан); 3) *аз пеши чизе гузаштан* — **пробежать** давида (тозон) гузаштан; **промелькнуть** намоён шуда гузаштан, банохост намудор шуда ғайб задан 4) *анҷоми амал ё коре* — **продиктовать** дикта кардан; **прозвенеть** ҷарангос (ҷингирос) задан, занг (зангула) задан 5) *амале, ки муддате давом мекунад* — **проспать до вечера** то бегоҳ дар хоб мондан; **просидеть весь день** тамоми руз (рузи дароз) нишаста мондан 6) *амали пурра* — **прогреть** пурра гарм кардан, нағз гарм кардан, тафсондан; **прокипятить** нағз ҷушондан 7) *бо ҳиссачаи «-ся» амали пурра* — **прокашляться** гулу афшондан; **проспаться** хобида ҳушьёр шудан (*аз мастӣ*) 8) *амале, ки дар натиҷаи он зараре мерасад* — **проглядеть** надида (бехабар) мондан; **просчитаться** ғалат шумурдан, дар ҳисоб хато кардан, зиёд пул додан 9) *зоҳир ва ошкор шудани чизе* — **проговориться** нохост гуфта мондан 2. *префиксест, ки барои сохтани исм ба кор бурда шуда, зуҳурот ё сифатеро нисбатан ифода мекунад:* **проседь** мошубиринҷ, муи як қадар сафед

про- II *приставка префиксест, ки исм ва сифат сохта, тарафдори манфиати кӣ буданро ифода мекунад:* **проамериканский** ...и тарафдори Америка

проамериканский, -ая, -ое ...и тарафдори Америка; ~ **режим** тартиботи тарафдори Америка

проанализировать *сов. что* таҳлил кардан, таҳқиқ (тадқиқ) кардан, фикру мулоҳиза кардан; ~ **случившееся** ҳодисаи руйдодаро фикру мулоҳиза кардан

проб||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **пробовать** 1) озмудан(и), санҷидан(и), озмоиш, санҷиш, имтиҳон; чашиш, чошнӣ; ~**а машины** санҷиши (озмудани) мошин; **взять на** ~**у** барои озмоиш (санҷиш) гирифтан 2. (*образец*) намуна; **взять** ~**у металла из плавильной печи** аз кура намунаи маъдан гирифтан 3. маҳак, иёр, аёр; **золото низкой** ~**ы** тиллои маҳакаш (иёраш) паст // тамғаи маҳак (иёр); **серебряные ложки с** ~**ой** қошуқҳои нуқрагини тамғаи маҳакдор ◊ ~**а пера** машқи таълиф, асари нахустин;

высшей (чистой) ~ы аълосифат; низкой (низшей) ~ы пастсифат

пробавляться *несов. разг.* 1. *(обходиться)* қаноат кардан, навъе рӯз (рузгор) ғузаронидан, як навъ умр ба сар бурдан // *(заниматься чем-л.)* ба сар бурдан, вакт гузаронидан 2. *(кормиться)* ризқу рӯзӣ ёфтан, василаи зиндагӣ ба даст овардан, маоши рӯзгор ёфтан

пробалагу́рить *сов. разг.* муддате ширинкорӣ (масхарабозӣ) карда вақт гузаронидан, муддате ҳазлу шӯхӣ кардан

проба́лтывать I, II *несов. см.* **проболта́ть**

проба́лтываться I *несов. страд.* чунбонда омехта шудан

проба́лтываться II *несов. см.* **проболта́ться** II

пробараба́нить *сов. что и без доп.* нақора (табл) задан, нақора навохтан // *разг.* нақоравор задан, рез навохтан, ноустоёна (бепарвоёна) навохтан, баланд-баланд навохтан *(ягон асбоби мусиқиро)*

пробаси́ть *сов. что и без доп. разг.* бо овози ғафс (бам, дӯрруқ) гуфтан (хондан)

пробастова́ть *сов.* муддате корпартоӣ (эътисоб) кардан

пробатра́чить *сов.* муддате муздурӣ кардан

пробе́г *м* 1. *(по знач. гл.* **пробежа́ть** 1, 2) давида (тохта) гузаштан(и) 2. *спорт.* -давонӣ, -ронӣ; **ко́нный ~** пойгаи асп; **автомоби́льный ~** пойгаи автомобиль 3. роҳгардӣ, дар роҳ будан(и), дар ҳаракат (дар гашт) будан(и); **маши́на находи́лась в ~е двое су́ток** мошин ду шабонарӯз дар роҳ буд 4. масофаи роҳ; **су́точный ~ парово́за** масофаи якшабонарӯзаи гашти паровоз

пробе́га||ть *сов.* 1. муддате давидан (тохтан), (муддате) давуғеҷ (даводавӣ) кардан; **де́ти ~ли весь день** бачаҳо тамоми руз (рузи дароз) даводавӣ карданд 2. *что разг.* даводавӣ карда аз коре мондан; **~ть уро́ки** даводавӣ карда аз дарс мондан

пробега́ть *несов. см.* **пробежа́ть**

пробе́гаться *сов. разг.* андак давидан (тохтан)

пробега́ться *несов. страд.* тай карда шудан

пробежа́||ть *сов.* 1. давида (тозон, тохта) гузаштан; **он ~л ми́мо меня́** вай аз паҳлуи ман тохта гузашт // *что и без доп.* тай кардан, зуд гузаштан, роҳ паймудан; **лы́жник ~л де́сять киломе́тров** лыжарон даҳ километр роҳро тай кард 2. тез [шино карда] гузаштан; **по реке́ ~л небольшо́й ка́тер** завраҷи хурде дар дарьё бо суръат шинокунон гузашт // *(о ветре, облаках и т. п.)* вазидан, гузаштан, даргузаштан // *(о шуме и т. п.)* пайдо шудан, шунида шудан // *перен.* пайдо шудан; фаро гирифтан; **дрожь ~ла у меня́ по те́лу** баданам ваҷаррос зад, аъзои баданам ларзид 3. рехтан, шоридан, ҷорӣ шудан; **по щеке́ ~ла слеза́** аз рухсора ашк рехт, оби дида ба рухсора ҷорӣ шуд 4. *(о времени)* тез гузаштан; **бы́стро ~л год** сол бисьёр тез гузашт 5. *что перен. (представить мысленно)* аз хаёл гузаронидан, тасаввур кардан 6. *что перен. разг.* сарсарӣ хондан, иҷмолан назар кардан, рӯякӣ дида баромадан, чашм давондан; **~ть глаза́ми объявле́ние** эълонро сарсарӣ хондан (чашм давондан) 7. *чем см.* **пробежа́ться** 3

пробежа́||ться *сов.* 1. тез гузаштан, давида (тохта, давон-давон, дартоз) гузаштан, давида-давида (тохта-тохта) убур кардан; **~ться по са́ду** аз боғ давида гузаштан 2. тез гузаштан, зуд тай кардан; **самолёт ~лся по взлётной полосе́** самолёт аз майдони парвоз тез гузашт 3. *разг.* тез навохтан, рез навохтан; **его́ па́льцы бы́стро ~лись по стру́нам** ангуштони ӯ торҳоро чолокона навохтанд

пробе́жка *ж (по знач. гл.* **пробежа́ть** 1, 2 *и* **пробежа́ться** I, 2) тез гузаштан(и)

пробе́л *м* 1. *(в тексте)* фосила, масофа, ҷои холӣ, ҷои холимонда // *полигр.* фосилаи байни калимаҳо (сатрҳо) 2. *перен.* нуқсон, камбудӣ, хомӣ, кусур, норасоӣ; **~ы в зна́ниях** норасоии дониш

пробе́ливать *несов. см.* **пробели́ть**

пробе́ливаться *несов.* 1. *см.* **пробели́ться**; 2. *страд.* сафед карда шудан

пробели́ть *сов. что* сафед кардан, ранги сафед молидан (додан); **~ потоло́к** шифтро сафед кардан; **~ полотно́** катонро сафед кардан

пробели́ться *сов.* сафед шудан, сап-сафед шудан; баёз (табошир) шудан

пробе́лка *ж (по знач. гл.* **пробели́ть** 1) сафед кардан(и)

про́бель *ж* сафедӣ, ҷои сафедтоб; ранги сафедтоб (сафедча)

пробе́льный I, -ая, -ое 1. ...и сафедкунӣ, ...и сафедгарӣ; **~ цех** шӯъбаи сафедгарӣ 2. *в знач. сущ.* **пробе́льная** *ж* корхонаи сафедкунӣ *(биное дар корхонаи қанднодӣ ё мумпазӣ, ки дар онҷо қанд ё мум сафед мекунанд)*

пробе́льный II, -ая, -ое: **~ материа́л** *полигр.* масолеҳи фосилагузорӣ *(тахтачаи оҳанӣ, чӯбӣ ё пластмассӣ, ки дар ҳуруфчинии матбаа барои гузоштани фосила дар байни калимаҳо, сатрҳо ва ғ. истифода мешавад)*

пробесе́дова||ть *сов.* муддате сӯҳбат (мусоҳиба) кардан; **мы ~ли два часа́** мо ду соат мусоҳиба мекардем

пробива́ние *с см.* **проби́вка** 1

пробива́ть *несов. см.* **проби́ть** 1—3

пробива́ться *несов.* 1. *см.* **проби́ться** 1, 2, 5; 2. *страд.* сурох карда шудан

проби́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **проби́ть** 1—3) сӯрох кардан(и); кофтан(и), кандан(и) 2. латта, лифи зағирпоя *(ашьёе, ки бо вай сурохҳои чизеро маҳкам мекунанд)*

пробивн||о́й, -а́я, -о́е 1. сӯрохкунанда, шикофкунанда, ...и сурохкунӣ, ...и шикофкунӣ; **~а́я си́ла снаря́да** қувваи шикофкунии тири тӯп 2. *разг.* ғаюр, боғайрат; **~о́й па́рень** ҷавони ғаюр

проби́вочный, -ая, -ое сурохкунанда. шикофкунанда

пробира́ть(ся) *несов. см.* **пробра́ть(ся)**

проби́рер *м* ҷавҳарӣ, заршинос

проби́рка *ж* найчашиша, шишаи меъёр, шишаи санҷиш (таҷриба)

проби́рн||ый, -ая, -ое ...и маҳакзанӣ. ...и маҳак, ...и иёр; **~ый ана́лиз** таҳлили (таҷзияи) маҳакӣ; **~ый ка́мень** санги маҳак; **~ое клеймо́** аломати иёр, тамғаи маҳак

проби́ровать *несов. что* 1. маҳак задан, иёр кардан *(миқдори маъданро дар хула)* 2. тамға задан, тамғаи маҳак задан *(ба тилло, нуқра)*

проби́||ть *сов.* 1. *что* сурох (шикоф) кардан, рахна задан (кушодан); **~ть сте́ну** деворро сурох кардан; **~ть отве́рстие** сӯрох (шикоф) кардан; **пу́ля ~ла дверь** тир дарро сурох кард, тир дарро сӯрох карда гузашт; **река́ ~ла плоти́ну** дарьё оббандро рахна зад // *горн.* кофтан, кандан *(конро)* 2. *что разг.* кушодан, гузаронидан; **~ть доро́гу сквозь густо́й лес** аз байни бешазори анбуҳ роҳ кушодан 3. *что* сурохи *чизеро* маҳкам кардан; **~ть ло́дку пенько́й** сӯрохи (тарқиши) завраҷро канаб зада маҳкам кардан 4. *спорт.* задан, зада даровардан; **~ть по воро́там** ба суи (тарафи) дарвоза туб задан 5. *во что* задан, навохтан; **~ть в гонг** лаълӣ задан (навохтан), занг задан // *что* задан, бонг задан; **~ть зо́рю** бонги субх задан; **~ть боеву́ю трево́гу** бонги хатари ҷанг задан 6. задан *(дар бораи занги соат)*; **про́било двена́дцать часо́в** *безл.* соат занги дувоздаҳро зад ◇ **~ть себе́ доро́гу (путь)** ба худ роҳ кушодан, муваффақ (комьёб) шудан; **пу́шкой не пробьёшь** издиҳоми калон, анбуҳи мардум; **пу́шкой не пробьёшь** *кого*, **из пу́шки не пробьёшь** *кого* бисьёр гарданшах аст; пушти ману табари қассоб; **час про́бил** вақташ омад, вақту соаташ расид

проби́||ться *сов.* 1. ба зур (илоҷе карда) гузаштан, зада гузаштан, ба зур роҳ кушодан, ба зур даромадан; **я едва́ ~лся сквозь толпу́** ман аз байни издиҳом ба зӯр гузаштам; **руче́й ~лся сквозь ка́мни** ҷуйча аз миёни сангҳо ҷорӣ шуда омад 2. неш задан, дамидан, рӯидан, баромадан; **~лась молода́я тра́вка** сабзаи навхез дамид, алафи нав дамид 3. *(о сердце и т. п.)* муддате тапидан (задан) 4. *над чем и без доп. разг.* муддате зур задан, муддате ҷидду ҷаҳд (ҷаҳду ҷадал) кардан; кушидан, саъй кардан, майна об кардан; **он ~лся два часа́ над реше́нием зада́чи** у барои ҳалли ин масъала ду соат зур зад 5. *разг.* як навъ рӯз гузаронидан; **~ться до весны́** то баҳор коре карда руз гузаронидан; то баҳор нуг ба нуг расондан ◇ **~ться в лю́ди** одам шудан, ба қатори мардум даромадан

про́бк||а *ж* 1. *тк. ед.* пук; **поплаво́к из ~и** қаравулаки пукӣ // пуст, пустлоқ, пустлох *(дар растанӣ)* 2. пуки (пӯкаи) шиша, даҳантиққӣ; **стекля́н-**

ная ~а даҳантиққи шишагӣ 3. *перен.* тиққа, танба, анбуҳ, тудаи зич; **в дверях образовалась ~а** одамон дар пеши дар тиққа шуда мондаанд 4. *эл.* пробка; **~и перегорели** пробкаҳо сухтаанд ◇ **глуп как ~а** аҳмаки гузаро, сабукмағз

про́бковый, -ая, -ое ...и пук, пуки; **~ по́яс** камарбанди пуки *(барои ҳифзи одам аз ғарқшавӣ)*; **~ дуб** булути пукдиҳанда *(дарахти ҳамешасабз, ки аз пӯстлохи он пук месозанд)*

пробле́м||а *ж* масъала, масъалаи ҳалталаб; **жизненные ~ы** масъалаҳои ҳаёт; **социальные ~ы** масъалаҳои иҷтимоӣ; **экономи́ческие ~ы** масъалаҳои иқтисодӣ; **разрешить ~у** масъаларо ҳал кардан

проблема́тика *ж* масоил, масъалаҳо, маҷмуи (гуруҳи) масъалаҳо

проблемати́ческий, -ая, -ое 1. тахминӣ, эҳтимолӣ, ғайриқатъӣ, нотамом; **~ вы́вод** хулосаи тахминӣ 2. шубҳанок, камэътимод, аз эҳтимол дур, номаълум

проблемати́чность *ж* 1. тахминӣ (ғайриқатъӣ) будан(и) 2. шубҳанокӣ, камэътимодӣ, аз эҳтимол дур будан(и), номаълум будан(и)

проблемати́чный, -ая, -ое (проблемати́ч|ен, -на, -но) *см.* **проблематический; мой отъе́зд ещё проблемати́чен** рафтани ман холо номаълум аст

пробле́мн||ый, -ая, -ое ...и масъала, дорои аҳамият, ...и ҳаётан муҳим; **~ая статья́** мақолаи ҳаётан муҳим

про́блеск *м* 1. шуъла, партав, шарора, рахш, тобиш; **~ све́та** партави нур 2. *чаще мн.* **про́блески** *перен.* аломат(ҳо), нишона(ҳо), зуҳурот; **у больно́го и́зредка появля́лись ~и созна́ния** бемор гоҳ-гоҳ ба ҳуш меомад; **~и ра́дости** зуҳуроти шодӣ; **~и наде́жды** нишони (бун) умед

проблёскивать *несов. см.* **проблесну́ть**

про́блесковый, -ая, -ое *тех.* ...и партави шуъла, шуълапош, шуълаафруз; **~ сигна́л** сигнали шуълапош

проблесну́||ть *сов.* 1. дурахшидан, шуълавар шудан, алангапош шудан, партав афкандан; **сквозь ту́чи ~ла мо́лния** аз абри сиёҳ барқ дурахшид 2. *перен.* дурахшидан, зоҳир (пайдо) шудан, падидор (чилодор) шудан; **в его́ глазах ~ло любопытство** дар чашмонаш оташаки кунҷковӣ зоҳир гашт

пробле́ять *сов.* 1. маос задан, маос зада мондан, маа гуфтан 2. муддате маос задан

проблиста́ть *сов.* дурахшидан, барқ задан

проблуди́ть *сов. прост. см.* **проблуждать**

проблужда́ть *сов.* муддате сарсарӣ (овораю саргардон, баҳудаю беҳуда) гаштан

про́бн||ый, -ая, -ое 1. ...и санҷиш, озмоишӣ, имтиҳонӣ, ...и таҷриба, таҷрибавӣ; **~ый вы́стрел** тирандозии озмоишӣ; **~ый материа́л** материали таҷрибавӣ 2. ...и маҳак, ...и иёр, маҳакзада; **~ое зо́лото** тиллои маҳакзада ◇ **~ый ка́мень** санги маҳак; **~ый шар** маҳак

про́бовать *несов.* 1. *кого-что* санҷидан, озмудан, имтиҳон (озмоиш) кардан, таҷриба кардан; **~ ткань на о́щупь** матоъро ламс (даст-даст) карда санҷидан; **~ свои́ си́лы** қувваи худро санҷидан // чашидан, таъми (намаки, мазаи) чизеро дидан; **~ вино́** майро чашида (хурда) дидан 2. *с неопр.* коре кардани шудан; **~ пройти́** гузаштани шудан; **~ узна́ть что́-л.** чизеро фаҳмидани (донистанӣ) шудан

про́боваться *несов. страд.* санҷида шудан

прободა́ть I *сов. кого-что* шох зада дарронидан, шох зада шикоф (сурох, чок) кардан, шох зада кафондан

прободა́ть II *несов. что мед.* халонда сӯрох кардан

прободе́ние *с мед.* сӯрохшавӣ, шикофшавӣ, сурох шудан(и); **~ кише́чника** сӯрох шудани рӯда

прободн||о́й, -а́я, -ое *мед.* ...и сӯрохӣ, сӯрохкунанда; сӯрохшаванда; **~а́я я́зва** захми сурохдори меъда

пробо́ина *ж* сӯрох, шикоф, рахна, тарқиш

пробо́й *м* 1. (*по знач. гл.* **проби́ть** 1) сӯрох (шикоф) кардан(и), рахна кушодан(и) 2. (*для замка́*) зулфин, ҳалқаи дар

пробо́йка *ж* 1. *см.* **проби́вка** 1; 2. сунба; қалами кандакорӣ 3. латта, лифи зағирпоя, ғози (лифи) канаб *(ашёе, ки бо вай сурохҳои чизеро маҳкам мекунанд)*

пробо́йник *м* сунба, олати сурохкунӣ; қалами кандакорӣ

пробо́йн||ый, -ая, -ое 1. ...и зулфин, ...и ҳалқаи дар; **~ое кольцо́** ҳалқаи дар 2. *обл.* чобук, чобукдаст, чолок

пробо́ле́||ть I *сов.* муддате дард кашидан, муддате мариз (касал, нотоб, нохуш) будан; **я ~л три дня** ман се рӯз касал шудам

пробо́ле́||ть II *сов.* муддате дард кардан; **рука́ ~ла це́лую неде́лю** дастам як ҳафтаи расо дард кард

проболта́ть *сов. разг.* 1. муддате лаққидан (чақ-чақ кардан, чоғ задаи) 2. *что и без доп.* лаққида гуфтан, лаққида (нохост) гуфта мондан, пукидан

проболтаться I *сов. прост.* муддате сарсарӣ (бекора, беҳуда) гаштан, сарсону саргардон гаштан; **~ без де́ла весь день** тамоми руз бекор гаштан

проболта́ться II *сов. разг.* лаққида гуфтан, лаққида (нохост) гуфта мондан, пукидан

пробоотбо́рник *м* олати намунагирӣ *(аз чизи озмудашаванда)*

пробо́р *м* фарқ, фарқи мӯй, фарқи сар; **прямо́й ~** фарқи рост; **причеса́ться на ~** мӯйсарро шона карда фарқ баровардан (кушодан)

пробора́нивать *несов. см.* **пробороно́ть** I

пробо́рка *ж* 1. (*по знач. гл.* **пробра́ть** 3) хишова, каландкунӣ 2. *разг.* танбеҳ, маломат, сарзаниш

пробормотать *сов. что и без доп.* ғур-ғур (ғурунг-ғурунг) кардан, шунаво-ношунаво гап задан, норавшан (нимғурма) гуфтан

пробороздить *сов. что* 1. ҷуяк кашидан, огард кардан 2. (*пересечь*) рах-рах кардан, бурида гузаштан; бурма-бурма кардан

пробороні́ть *сов.* 1. *что* мола (сихмола) кардан, дандона кардан (рондан) 2. *что и без доп.* муддате мола (сихмола) кардан

проборонова́ть *сов. см.* **пробороні́ть**

про́бочник *м разг.* пуккашак, шишакушо

про́бочный, -ая, -ое ...и пук, ...и пука; **~ заво́д** корхонаи пуксозӣ; **~ по́яс** камарбанди пук(ӣ)

пробра́сывать *несов. см.* **пробро́сить**

пробра́||ть *сов.* 1. *кого разг.* таъсир кардан, гирифтан, расидан; **моро́з ~л меня́ до косте́й** хунукӣ маро то мағзи устухон расид // *перен.* гирифтан, фаро гирифтан, зер кардан; **его ~л страх** дили уро тарсу ваҳм зер кард; дилаш ваҳм кард 2. *кого разг.* сарзаниш (коҳиш) кардан, ҳақорат (дашном) додан 3. *что с.-х.* хишова (каланд) кардан, холбех кардан, тоза кардан *(аз алафҳои бегона)*

пробра́||ться *сов.* 1. ба зур гузаштан (роҳ кушодан), бо машаққат гузаштан; илоҷе (як навъ) карда гузаштан; **он на си́лу ~лся сквозь толпу́** у аз миёни анбуҳи мардум ба зур гузашт 2. пинҳонӣ гузаштан (даромадан); **~ться в дом че́рез окно́** аз тиреза ба хона даромадан

пробре́ди||ть *сов.* муддате сафсата (ҳазьён, алой) гуфтан *(дар ҳолати беҳушӣ ё беморӣ)*; **больно́й ~л всю ночь** бемор тамоми шаб ҳазьён гуфт

пробренча́||ть *сов. разг.* 1. диринг-диринг (тинг-тинг) карда мондан 2. *что, на чём* беҳунарона (дилубедилон) навохтан 3. *что, на чём и без доп.* муддате диринг-диринг (тинг-тинг) кардан, муддате дирингас задан; муддате беҳунарона (ноуҳдабароёна) тор задан; **он ~л весь ве́чер** у тамоми шаб диринг-диринг кард

пробрести́ *сов. разг.* ба зӯр роҳ гаштан (рафтан); **мы пробрели́ мно́го киломе́тров, о́чень уста́ли** мо бисьёр километр роҳ гашта хеле хаста шудем

пробрива́ть *несов. см.* **пробри́ть**

пробри́ть *сов. что* каме (андак) тарошидан

пробри́ться *сов.* муддате муйсари (риши) худро тарошидан

пробро́ди́||ть I *сов.* муддате оворагардӣ кардан, сарсону саргардон (бекораву бекора) гаштан, гаштугузор кардан; **он ~л по го́роду весь день** у рӯзи дароз дар шаҳр гаштугузор кард

пробро́ди́ть II *сов.* 1. (*о жидкости*) турш шудан, туршида ҷӯшидан, ба ҷуш омадан 2. муддате дар ҷӯш будан, туршидан

пробро́са́ть *сов. что* муддате партофтан

пробро́сить *сов. что разг.* 1. андохта гузарондан 2. (*подсчитать на счётах*)

бо чут ҳисоб кардан, ба чут андохтан 3. *тж. без доп. (промахнуться)* хато (сахв) кардан

пробрюзжать *сов. что и без доп.* 1. ғур-ғур (гинг-гинг) карда мондан 2. муддате гуруиг-ғурунг (гиринг-ғиринг, ғурбат) кардан

пробст *м* пробст *(саррухонии калисои лютеранӣ)*

пробубнить *сов. что и без доп. разг.* норавшан (нимгурма, зери лаб) гуфтан

пробудить *сов.* 1. *кого* бедор кардан, аз хоб хезондан // *перен.* бедор кардан, ба ҳаракат овардан, ба ҷунбиш даровардан; ташвиқ (ҳавасманд) кардан; ~ **к деятельности** ба фаъолият ташвиқ кардан; ~ **массы** оммаро бедор кардан, оммаро ба ҳаракат овардан 2. *что перен.* пайдо кунондан, ба вуҷуд овардан, талқин кардан; ба ваҷд овардан, афрухтан; ~ **любовь к спорту** ба варзиш ҳавас пайдо кунондан; ~ **гнев** ғазаб афрухтан

пробуди||ться *сов.* 1. бедор шудан, аз хоб хестан, аз хоб бедор шудан // *(о природе)* бедор шудан, ҷон гирифтан, эҳьё шудан; **весной вся природа ~лась** дар баҳор тамоми табиат бедор шуд 2. *перен. (оживиться)* ба ҳаракат омадан, ба ҷунбиш даромадан 3. *перен.* пайдо шудан, ба вуҷуд омадан, сар задан (шудан); **в нём ~лась любовь к чтению** дар дили у ба хондан шавқу завқ пайдо шуд

пробуждать *несов. см.* **пробудить**

пробуждаться *несов.* 1. *см.* **пробудиться**; 2. *страд.* бедор карда шудан

пробуждение *с (по знач. гл.* **пробудиться)** бедор шудан(и); ба вуҷуд омадан(и); ~ **природы** бедор шудани табиат; ~ **сознания** бедории шуур

пробуравить *сов. что* парма кардан, сурох (шикоф) кардан; ~ **отверстие** бо парма сурох кардан

пробуравливать *несов. см.* **пробуравить**

пробуривать *несов. см.* **пробурить**

пробурить *сов. что* парма [сурох) кардан, бо парма кандан; ~ **скважину** бо парма чоҳ кандан

пробурчать *сов. что и без доп. разг.* 1. ғур-ғур кардан, ғурунг-ғурунг кардан 2. қур-қур кардан

пробыть *сов.* будан, мондан, муддате истодан, зистан, истиқомат (тавaққуф) кардан; **я пробыл в этом городе два дня** ман дар ин шаҳр ду руз истодам

проваживать *несов. кого разг.* кам-кам ҳаракат кунондан, оҳиста-оҳиста пасу пеш роҳ равондан *(аспро)*

провал *м* 1. *(по знач. гл.* **провалиться** 2) фуруравӣ, фуру рафтан(и), чукидан(и); ~ **почвы** фуру рафтани замин 2. *(яма)* чуқурӣ, чоҳ 3. *перен. (неудача)* нокомӣ, бемуваффақиятӣ, шикаст, ноомади кор; ~ **наступления** барор нагирифтани ҳуҷум // *(раскрытие)* ба даст афтодан(и); фош (ошкор) шудан(и); 4. *перен.* сукут, таназзул, пастшавӣ, сустшавӣ; ~ **памяти** сукути ҳофиза, фаромушхотирӣ

проваландаться *сов. прост.* бекор (беҳуда) вақт гузарондан, беҳудагардӣ (оворагардӣ) кардан

проваливать *несов.* 1. *см.* **провалить**; 2. *повел.* **проваливай(те)!** *прост.* дафъ шав(ед)!, гум шав(ед)!, нест шав(ед)!, нобиё шав(ед)!

проваливаться *несов.* 1. *см.* **провалиться** 1—4; 2. *страд.* фуру равонда шудан

провалить *сов.* 1. *что* фуру равондан, гутондан, чукондан, ғалтондан, афтондан; ~ **крышу** бомро фуру равондан 2. *что перен. разг.* вайрон кардан, уҳда карда (иҷро карда) натавонистан; ~ **работу** корро вайрон кардан // *(раскрыть)* ба даст афтондан; фош (ошкор) кунондан // *(отвергнуть)* рад (бекор) кардан, қабул накардан; ~ **предложение** таклифро рад кардан // *(на экзамене)* дармонондан, ғалтондан, гардондан

провали||ться *сов.* 1. афтодан, фуру рафтан, ғутидан, чукидан, ғалтидан; ~**ться в яму** ба чуқурӣ афтодан; ~**ться в снег** ба барф фуру рафтан (ғутидан) 2. фуру рафтан, чукидан; **крыша ~лась** бом фуру рафт // *(вогнуться)* фуру хамидан, пахш шуда фуру рафтан; **диван ~лся** нимкат пахш шуда фуру рафт (хамид) // *(ввалиться — о глазах, щеках)* коҳидан, коҳистан, рог мондан, чукидан, фуру рафтан 3. *перен. разг. (потерпеть неудачу)* ноком шудан, барор наёфтан (накардан) // *(быть раскрытым)* ба даст афтодан; фош (ошкор) шудан // *(на экзамене)* дармондан, афтидан, галтидан 4. *перен. прост. (исчезнуть)* гум (нест) шудан, бедарак (гоиб) шудан, беному нишон шудан; **куда он ~лся?** у дар куҷо гум шуд? 5. *повел.* **провались (провалитесь)!** *прост. бран.* гум шав(ед)!, нест шав(ед)! ◇ **как (будто, словно, точно) сквозь землю ~лся** гуё замин кашида бошад; **я готов был сквозь землю ~ться** замин накафид, ки ман дароям; **~сь я, ~ться мне на этом [самом] месте, ~ться мне сквозь землю** *прост.* қасам ки..., қасам ба ҷонам ки..., аз ҷоям нахезам ки..., бало занад ки...

проваляться *сов. разг.* 1. муддате ғелида хобидан, ғелида хоб рафтан; ~ **весь день в постели** тамоми руз (рӯзи дароз) дар ҷойгаҳ ғелида хобидан // *(пробыть больным)* муддате бемор (нотоб, мариз, касал, нохуш) шуда хобидан 2. *(пролежать без употребления)* муддате бекор дар ягон ҷо хобидан (мондан)

провансаль *м кул.* хуриш, ионхуриш *(хуриши таом, ки аз зардии тухм ва равғани растанӣ тайёр мекунанд)*

прованск||ий, -ая, -ое: **~ое масло** равғани зайтун

проваривать *несов. см.* **проварить**

провариваться *несов.* 1. *см.* **провариться** 1; 2. *страд.* нағз пухта шудан

проварить *сов. что* нағз пухтан, ҳилм-ҳилм пухтан, дурустакак пазондан; ~ **мясо** гуштро нағз пухтан

провари||ться *сов.* 1. нағз пухтан, ҷушида пухтан, пухта тайёр шудан; **мясо хорошо ~лось** гушт нағз пухтааст 2. муддате пухтан

проващивать *несов. см.* **провощить**

провевать(ся) *несов. см.* **провеивать(ся)**

проведать *сов. разг.* 1. *кого-что* хабар гирифтан, рафта (омада) дидан, аёдат кардан 2. *о ком-чём* донистан, фаҳмидан, дарак ёфтан, хабардор шудан

проведение *с (по знач. гл.* **провести** 1, 3—7) гузарондан(и), кашидан(и); ба амал гузарондан(и); ~ **межи** марзакашӣ, кашидани марза; ~ **железной дороги** кашидани (сохтани) роҳи оҳан; ~ **решения в жизнь** амалӣ кардани қарор

провезти *сов. кого-что* 1. гузаронда овардан (бурдан), овардан, бурдан, кашондан *(савора)*; ~ **через горы** аз кӯҳҳо гузаронда овардан 2. ҳамроҳи худ овардан (бурдан); ~ **ребёнка с собой** кудакро ҳамроҳи худ бурдан

провеивать *несов. см.* **провеять**

провеиваться *несов.* 1. *см.* **провеяться**; 2. *страд.* бод карда шудан

провентилировать *сов. что* шамол (бод) додан, ҳаворо тоза кардан; ~ **помещение** бинорo шамол додан, ҳавои бинорo тоза кардан

проверенный, -ая, -ое 1. *прич.* тафтишшуда; санҷидашуда 2. *прил.* санҷида, озмуда, ботаҷриба; ~ **работник** коркуни озмуда

проверить *сов. что* 1. тафтиш кардан, тафтиш карда дидан (баромадан); ~ **отчётность** ҳисоботро тафтиш карда баромадан; ~ **исполнение** иҷрои корро тафтиш кардан; ~ **документы** ҳуҷҷатҳоро тафтиш кардан 2. санҷидан, озмудан, имтиҳон кардан; ~ **знания учащихся** дониши талабагонро санҷидан (имтиҳон кардан)

провериться *сов. разг.* 1. аз тафтиш (аз санҷиш) гузаштан; ~ **у врача** аз тафтиши духтур гузаштан 2. номи худро дар руйхате тафтиш кардан; ~ **в списках избирателей** номи худро дар руйхатҳои интихобкунандагон тафтиш кардан

проверка *ж (по знач. гл.* **проверить** *и* **провериться**) тафтиш, санҷиш, озмоиш, имтиҳон; ~ **документов** тафтиши ҳуҷҷатҳо; ~ **знаний** санҷиши (санҷидани) дониш

провернуть *сов. что* 1. бо парма сурох (шикоф) кардан; ~ **дыру в стене** дар девор бо парма сурох кардан 2. куфтан, кубидан; ~ **мясо через мясорубку** гуштро аз гушткимакунак гузарондан 3. *перен. прост.* фавран иҷро (ҳал) кардан, тез (зуд) гузарондан, таъҷилан амалӣ кардан; ~ **дело** корро чобукона анҷом додан

проверну||ться *сов. однокр. к* **провёртываться**; **винт ~лся** мехпеч тоб [illegible] суст шуд

проверочн||ый, -ая, -ое ...и тафтиш, ...и санҷиш, озмоишӣ, ...и имтиҳон; **~ая комиссия** комиссияи тафтиш; **~ый диктант** диктанти санҷишӣ (имтиҳонӣ)

провертеть *сов. см.* **провернуть**

провертé||ться *сов.* муддате тоб хӯрдан (тофта шудан), чанде чарх (давр) задан, каме чархидан (гирд гаштан); **колесó ~лось нéсколько минýт** чарх чанд дақиқа давр зад

провёртывать *несов. см.* **провернýть**

провёртываться *несов.* 1. *см.* **проворачиваться;** 2. *страд.* сурох карда шудан

проверять *несов. см.* **провéрить**

проверяться *несов.* 1. *см.* **провéриться;** 2. *страд.* тафтиш карда шудан, санҷида шудан

провéс I *м торг.* камӣ (камомад) дар баркаш; **в этом мешке мукú три килогрáмма ~а** орди ин халта се килограмм кам омад

провéс II *м* 1. (*по знач. гл.* **провéситься** II 2) хамӣ, салқугӣ, хам (салқу) шудан(и). хамидан(и); **~ телегрáфных проводóв** хамидани симҳои телеграф 2. ҷои овезон (хамида), ҷои салқу (салқушуда)

провéсить I *сов. что торг.* (*недовесить*) дар баркаш кам баровардан

провéсить II *сов. что* 1. (*провялить*) хушк (қоқ) кардан; хушкондан, шамол додан 2. (*проверить прямизну чего-л.*) ростии *чизеро* тафтиш кардан

провéситься I *сов. торг.* (*ошибиться при взвешивании*) дар баркаш хато (саҳв, галат) кардан

провéситься II *сов.* 1. (*провялиться*) хушк (қоқ) шудан, хушкидан; шамол хӯрдан 2. (*провиснуть*) хам (салқу) шудан. хамидан, фуру хамидан

провесной, -ая, -ое (*провяленный*) хушк (қоқ) кардашуда, хушкондашуда

провести *сов.* 1. *кого-что* гузарондан; **~ отряд чéрез болóто** дастаро аз ботлоқ гузарондан; **~ кратчáйшим путём** бо роҳи наздиктарин гузарондан 2. *чем по чему* кашидан, молидан, задан, палмосидан; **~ рукóй по вóлосам** даст ба муй молидан 3. *что* гузарондан, кашидан, хат кашидан, муайян кардан; **~ границу** ҳадду худуд кашидан, хатти сарҳадро муайян кардан; **~ межý** марза кашидан 4. *что* кашидан, сохтан, гузарондан; **~ желéзную дорóгу** роҳи оҳан кашидан (сохтан); **~ телефóн** телефон гузарондан 5. *кого-что* (*выдвинуть*) баён (ифода) кардан, пешбарӣ кардан, ба миён гузоштан, пешниҳод кардан; **в статьé проведенá интерéсная мысль** дар мақола фикри диққатангезе ифода шудааст 6. *что* қабул кунондан, маъқул кунондан, тасдиқ кунондан; **~ резолюцию** қарор қабул кунондан (баровардан) 7. *кого-что* (*оформить*) ба расмият даровардан; **~ прикáзом** ба воситаи фармон ба расмият даровардан 8. *что* ба амал гузарондан, анҷом додан, иҷро (амалӣ) кардан; **~ óпыт** таҷриба кардан; **~ посевнýю кампáнию** маъракаи кишту корро анҷом додан 9. *что* гузарондан, ба сар бурдан; **вéсело ~ прáздник** идро шоду хуррам гузарондан; **~ óтпуск на юге** таътилро дар ҷануб гузарондан 10. *кого-что перен. разг.* фиреб (фанд) додан, гул кардан, ҳила (шайтанат) кардан ◇ **~ в жизнь** *что* ба ҳаёт татбиқ кардан, ҷомаи амал пӯшондан; **~ зá нос** *кого* фиреб (фанд) додан, гӯл кардан, ҳила (шайтанат) кардан

провéтривание *с* (*по знач. гл.* **провéтрить**) шамолдиҳӣ, ҳаводиҳӣ; (*по знач. гл.* **проветриться**) тоза шудан(и); **~ помещéния** шамол додани бино, тоза кардани ҳавои бино

провéтривать *несов. см.* **провéтрить**

провéтриваться *несов.* 1. *см.* **провéтриться;** 2. *страд.* шамол дода шудан

провéтрить *сов.* 1. *что* шамол додан, ҳаворо тоза кардан; **~ помещéние** ҳавои бинoро тоза кардан 2. *кого перен. разг.* хурсанд (хушнуд. хушвақт) кардан

провéтриться *сов.* 1. тоза шудан, ҳавои тоза хурдан 2. (*побыть на воздухе*) ҳавои тоза гирифтан (хурдан), аз ҳавои тоза баҳра бурдан, гардиш кардан 3. *перен. разг.* хурсандӣ (хушнудӣ, хушвақтӣ) кардан

провешивать I, II *несов. см* **провéсить** I, II

провёшивать III *несов. см.* **провешить**

провéшиваться I *несов.* 1. *см.* **провéситься** I; 2. *страд.* дар баркаш кам бароварда шудан

провéшиваться II *несов.* 1. *см.* **провéситься** II; 2. *страд.* хушк карда шудан

провешить *сов. что геод.* аломат (нишон) мондан

провéять *сов. что* бод кардан (додан); **~ пшеницу** гандумро бод кардан (*дар хирман*)

провéя||ться *сов.* бод карда (дода) шудан; **зернó ~лось** ғалла бод дода шуд

провиáнт *м уст.* озуқа, хуроквориӣ, туша, туъма

провиáнтск||ий, -ая, -ое *уст* ...и озуқа, озуқавӣ, ...и хуроквориӣ, ...и туша, ...и туъма; **~ие запáсы** захираҳои озуқа, тушаи эҳтиётӣ

провúдение *с книжн. см.* **предвúдение**

провидéние *с рел.* руҳ; тақдир, қазову қадар, насиба, сарнавишт

провиденциалúзм *м* қадария

провиденциáльный, -ая, -ое *книжн.* ...и қадария

провúдеть *несов. что книжн.* пешакӣ дидан, пешбинӣ (пешгӯӣ, валигӣ, каромот) кардан

провúдец *м книжн.* пешбин, пешгуй, валӣ, авлиё

провидица *женск. к* **провúдец**

провизжáть *сов.* 1. вангас (виззос, вижжас, чиррос) задан, чир-чир (вижвиж) кардан // (*пролететь с визжанием*) вижжасзанон парида гузаштан 2. муддате вижжас задан

провúзия *ж* озуқа, хурок, хуроквориӣ, туъма, туша

провизор *м* провизор, дорусоз (*унвоне, ки ба мустақилан доруи сохтан ва идора кардани доруxона ҳуқуқ медиҳад*)

провизóрн||ый, -ая, -ое *книжн.* 1. пешакӣ, тахминӣ, тақрибӣ; **~ая оцéнка** баҳои тахминӣ 2. муваққатӣ; **~ые мéры** чораҳои муваққатӣ

провинúться *сов.* айбдор (гунаҳкор) шудан, ҷурм (қусур) кардан

провúнность *ж разг.* айб, айбдорӣ, гуноҳ, гуноҳкорӣ; ҷурм, тақсир, қабоҳат

провинциáл *м уст.* аҳли вилоят, музофотӣ, маҳаллотӣ, деҳотӣ

провинциалúзм *м* 1. *уст.* вилоятӣ (музофотӣ, маҳаллотӣ) будан(и) (*оид ба ақида ва рафтори аҳли музофот*) 2. *лингв.* калимаи (ибораи) маҳаллӣ (шевагӣ, лаҳҷагӣ)

провинциáлка *женск. к* **провинциáл**

провинциáльность *ж см.* **провинциалúзм** 1

провинциáльн||ый, -ая, -ое (провинциá|лен, -льна, -льно) *уст.* ...и вилоят, ...и музофот, вилоятӣ, музофотӣ; **~ый гóрод** шаҳри музофотӣ; **~ые нрáвы** урфу одати (хулқу атвори) музофотиён

провúнция *ж* 1. *ист.* провинция (*обу хоке, ки румиёни қадим забт карда, ба тасарруфи ҳокими Рими Қадим медароварданд*) 2. *ист.* провинция (*як қисми губерния дар Россияи асри 18*) 3. провинция (*вилоят, музофот ё ноҳияи маъмурӣ дар баъзе давлатҳо*) 4. *уст.* вилоят, музофот, гушаю канор

провирáться *несов. см.* **проврáться**

провисáние *с* (*по знач. гл.* **провиснуть**) халта шудан(и), хам (салқу) шудан(и), фуру хамидан(и); **~ прóвода** фуру хамидани сим

провисáть *несов. см.* **провúснуть**

провисéть *сов.* муддате овезон шуда истодан

провúснуть *сов.* халта шудан, хам (салқу) шудан, хамидан, фуру хамидан; **потолóк провис** шифт фуру хамид

провитамúны *мн.* (*ед.* **провитамин** *м*) *биол.* провитаминҳо (*моддаҳое, ки аз онҳо дар аъзои бадан витаминҳо пайдо мешаванд*)

прóвод *м* сим; **электрúческий ~** сими электр; **гóлый ~** сими луч // хатти сими телефон (телеграф); **связáться с гóродом по прямóму ~у** бо шаҳре ба воситаи телефон (телеграф) гуфтугу кардан

провóд *м* (*по знач. гл.* **провестú** 1) гузарондан(и)

проводúмость *ж* 1. гузаронандагӣ, ноқилият; **~ метáлла** ноқилияти металл 2. *биол.* ноқилӣ (*қобилияти бофтаҳои асабу мушакҳои организм дар хуруҷи эҳсосот*)

проводúть I *несов.* 1. *см.* **провестú;** **~ лéнинскую полúтику** мира ба ҳаёт татбиқ кардани сиёсати ленинии сулҳ 2. *что* гузарондан, нақл (амалӣ) кардан, ба ҳаёт татбиқ кардан (*мас. гармӣ, садо ва ғ.*); **~ теплó** гармиро гузарондан

проводúть II *сов. кого-что* 1. гусел кардан, гуселондан; **~ на вокзáл** то (ба) вокзал гусел кардан; **~ до углá** то хамгашти куча гуселондан (бурда

мондан) 2. ба сафар гусел кардан; **~ в да́льний путь** бо роҳи дур гусел кардан 3. *чем* бо кафкубӣ гусел кардан; **~ арти́стов аплодисме́нтами** ба артистҳо чапакзанӣ кардан ◇ **~ глаза́ми (взгля́дом, взо́ром) кого́-что́-л.** аз пушти (аз қафои, аз ақиби) касе, чизе нигоҳ карда истодан (мондан); **~ глаза́ми** по́езд аз пушти (аз қафои) поезд нигоҳ карда истодан (мондан)

проводи́ться *несов. страд.* гузаронда шудан

прово́дка *ж* **1.** (*по знач. гл.* **провести́** I, 4, 6) гузарониш, гузарондан(и), кашидан(и); **~ судо́в** гузарондани киштиҳо 2. (*сеть проводов*) сим, шабака, доираи (хатти) симҳо, симу симчубҳо (*электрик, телефон, телеграф*) 3. дам гирондан(и), хунук кардан(и), нафас рост кунондан(и) (*аспро баъд аз давондан*)

проводни́к I *м* 1. *физ.* ноқил, мувассил; **~ электри́чества** ноқили чароғи электрик 2. *перен.* паҳнкунанда, ҷорикунанда, воситаи гузаронанда; **ра́дио — ~ культу́ры** радио паҳнкунандаи маданият аст

проводни́к II *м* 1. (*провожатый*) роҳбалад, роҳнамо, роҳнишондиҳанда, ҳоди 2. проводник, ходими вагон

проводнико́вый, -ая, -ое *физ.* ...и ноқил, ...и мувассил

проводни́ца *женск. к* **проводни́к** II 2

проводн||о́й, -а́я, -о́е ...и сим, симӣ, ...и шабака, шабакавӣ, ...и симу симчубӣ; **~а́я связь** алоқаи симу симчубӣ

прово́ды *тк. мн.* гусел

провоева́||ть *сов.* муддате ҷангидан, муддате ҷанг кардан, дар ҷанг иштирок кардан; **он ~л три го́да** вай се сол дар ҷанг иштирок кард

провожа́тый, -ая, -ое роҳбалад, роҳнамо, роҳнишондиҳанда // (*провожающий*) гуселкунанда

провожа́ть *несов. см.* **проводи́ть** II

прово́з *м* (*по знач. гл.* **провезти́**) овардан(и), бурдан(и), кашондан(и); **пла́та за ~** музди (ҳаққи) кашондан, киропулӣ, пули киро, музди киро[кашӣ]

провозвести́ть *сов. что высок.* 1. пешгӯӣ (пешбинӣ) кардан, пешакӣ гуфтан 2. эълон (хабардор) кардан

провозве́стник *м высок.* 1. пешгуй, мубаллиғ 2. башоратдиҳанда, муждарасон

провозве́стница *женск. к* **провозве́стник**

провозвеща́ть *несов. см.* **провозвести́ть**

провозгласи́ть *сов.* 1. *что* эълон (маълум) кардан; **~ респу́блику** таъсиси республикаро эълон кардан // (*сказать*) гуфтан; **~ тост** нушбод гуфтан 2. *кого-что кем-чем книжн.* эълон кардан

провозглаша́ть *несов. см.* **провозгласи́ть**

провозглаша́ться *несов. страд.* эълон карда шудан

провозглаше́ние *с* (*по знач. гл.* **провозгласи́ть**) эълон кардан(и)

провози́ть I *несов. см.* **провезти́**

провози́ть II *сов. кого-что* муддате гузаронда овардан (бурдан)

провози́||ться I *сов. разг.* 1. *с кем-чем* муддате овора (саргардон) шудан; **всё у́тро ~ться с убо́ркой** тамоми саҳар ба рӯбучин овора шудан 2. муддате шӯхӣ кардан, чанде бозӣ кардан; **де́ти це́лый день ~лись во дворе́** бачаҳо рӯзи дароз дар рӯи ҳавлӣ бозӣ карданд

провози́ться II *несов. страд.* гузаронда шудан

провозн||о́й, -а́я, -о́е ...и нақл, ...и бурдан(и), ...и кашондан(и); **~а́я по́шлина** пули киро, музди кирокашӣ

провока́тор *м* 1. (*тайный агент*) ҷосус 2. (*подстрекатель*) фитнаангез, барангезанда, васвасакунанда, таҳриккунанда

провока́торский, -ая, -ое ...и иғвогар, ...и фитнагар, ...и фитнаҷуй

провокацио́нный, -ая, -ое иғвогарона, фитнаангез, фитнагарона, фитнаҷуёна; **~ вопро́с** саволи иғвогарона (фитнаангез)

провока́ция *ж* 1. иғво, фитна // (*подстрекательство*) фитнаангезӣ, барангезӣ, таҳрик 2. *мед.* хуруҷ, ангезиш (*ба таври сунъӣ ба хуруҷ овардани ягон касалӣ*)

провола́кивать *несов. см.* **проволочи́ть**

провола́киваться *несов.* 1. *см.* **проволочи́ться** I *и* **проволо́чься;** 2. *страд.* кашола карда шудан

про́волока *ж* сим; **ме́дная ~** сими мисин; **колю́чая ~** симхор, хорсим // *разг.* (*проволочное заграждение*) монеаи симхордор, қатораки симхордор

проволочи́ть *сов.* 1. *кого-что* кашола кардан, кашолакунон (кашон-кашон) овардан (бурдан) 2. *что и без доп. разг.* беҳуда (бекора) гузарондан; **~ вре́мя** бефоида (беҳуда) вақт гузарондан

проволочи́ться *сов.* 1. кашола (кашида) шудан 2. *за кем уст. разг.* муддате аз дунболи зане гаштан (занабозӣ кардан)

про́волочка *ж уменьш. к* **про́волока**

проволо́ч||ка *ж разг.* кашолакорӣ, кашоладиҳӣ, монеа, таъхир, даранг, тӯлкашӣ; **без ~ек** бе таъхир, кашол надода, бе даранг, бе нею нестон

про́волочн||ый, -ая, -ое ...и сим, симӣ, симин; **~ое произво́дство** симсозӣ, симбарорӣ, истеҳсоли сим; **~ое загражде́ние** монеаи симхордор, иҳотаи аз хорсим сохташуда

проволо́чь *сов. см.* **проволочи́ть** I

проволо́чься *сов.* 1. *см.* **проволочи́ться** I; 2. оҳиста-оҳиста гузаштан

провоня́лый, -ая, -ое *прост.* буйгирифта, буйдода, бадбуй, гандида

провоня́||ть *сов. прост.* 1. буй гирифтан (додан), гандидан; **пальто́ ~ло нафтали́ном** ба пальто бӯи нафталин шиштааст 2. *что* бадбуй кардан, буй гирондан; **~ть всю ко́мнату ды́мом** тамоми хонаро дуд карда буй гирондан

провопи́ть *сов. что и без доп. разг.* 1. дод (фарьёд) задан, бонг задан, фиғон кардан 2. муддате фиғон кашидан

провора́чивать *несов. см.* **проворо-ти́ть**

провора́чива||ться *несов. тех.* хӯрда шудан, аз кор баромадан; **винт ~ется** мехпеч хурда шуд

проворкова́ть *сов.* 1. (*о голубях*) вақар-вуқур кардан // муддате вақар-вуқур кардан 2. *что и без доп. перен.* навозишкорона (меҳрубонона) гап задан

прово́рный, -ая, -ое (прово́р|ен, -на, -но) (*ловкий*) чусту чолок, чаққон, чобук, корчаллон, тардаст // (*торопливый*) зуд, шитобкор(она), саросемавор

проворова́ться *сов.* дуздӣ кардан, молу мулк дуздидан; дуздӣ карда ба даст афтидан

проворо́вываться *несов. см.* **проворова́ться**

проворо́нивать *несов. см.* **проворо́нить**

проворо́нить *сов. кого-что прост.* сустӣ (фориғболӣ) карда аз даст додан, даҳаньялагӣ кардан

провороти́ть *сов.* 1. *что прост.* (*протолкнуть с силой*) ба зур тела (такон) додан, тела дода гузарондан 2. *см.* **проверну́ть** 3

проворо́чать *сов. что разг.* муддате гардондан (чархондан, ҷунбондан)

проворо́чаться *сов. разг.* муддате аз як паҳлу ба паҳлуи дигар гаштан

прово́рство *с* чолокӣ, чустучолокӣ, чаққонӣ, чобукӣ

проворча́ть *сов.* 1. (*о животных*) ғурунг-ғурунг (ғиринг-ғиринг, ғур-ғур) кардан // муддате ғурунг-ғурунг кардан 2. *что и без доп. перен. разг.* (*о человеке*) ғур-ғур кардан, ғурунгос задан, ғурбат карда мондан

провоци́ровать *сов., несов.* 1. *кого-что на что* иғво додан, фитна ангехтан (хезондан), барангехтан, таҳрик кардан 2. *что* таҳрик кардан, хезондан; **~ войну́** бо иғво ҷанг сар кардан 3. *что мед.* хуруҷ кунондан, ангехтан; **~ при́ступ маляри́и** вараҷаро хуруҷ кунондан

провоци́роваться *несов. страд.* иғво дода шудан

провощи́ть *сов. что* мум задан, мумолӣ кардан, бо мум пардоз кардан (додан)

провра́ться *сов. прост.* дуруғ гуфта фош шудан

провы́ть *сов.* 1. (*о животных*) уллос кашидан (задан) // муддате уллос кашидан 2. бонг (нола) задан, нолиш кардан, ғуррос (ғуввос) задан 3. *что и без доп. прост.* (*о человеке*) нола (оҳу воҳ, оҳу афғон) кардан, фиғон кашидан, нолиш кардан

провяза́ть *сов. что и без доп.* муддате бофтан, каме риштану (тофтану) бофтан; **~ весь ве́чер** тамоми шаб машғули бофту тофт шудан

провя́ливание *с* (*по знач. гл.* **провя́лить**) хушк (қоқ) кардан(и), хушкондан(и); (*по знач. гл.* **провя́литься**) хушкшавӣ, қоқшавӣ

провя́ливать *несов. см.* **провя́лить**

провяливаться *несов.* 1. *см.* **провялиться;** 2. *страд.* хушконда шудан

провялить *сов. что* хушк (кок) кардан, хушкондан; ~ **рыбу** моҳиро кок кардан, моҳӣ хушкондан

провялиться *сов.* хушк (кок) шудан

провянуть *сов. обл.* андак хушк (кок) шудан

прогада||ть *сов.* 1. *разг.* дар тахмини худ саҳв (хато) кардан; фиреб хурдан; **вы ~ли, что не поехали с нами** шумо хато кардед, ки ҳамроҳи мо нарафтед 2. муддате фол дидан, муддате рамл (қуръа) кашидан

прогадывать *несов. см.* **прогадать** 1

прогалина *ж разг.* 1. *(лужайка)* чаман, марғзор, алафзор *(дар ҷангал)* 2. *(промежуток)* ялангӣ, ҷои холӣ (кушод)

прогалопировать *сов.* чорхез тохтан (давидан)

прогар *м* ҷои сухта; ~ **в котле** ҷои сӯхтаи дег

прогарцевать *сов.* чопандозӣ кардан, маҳорати аспдавонӣ нишон додан

прогиб *м* 1. *(по знач. гл.* **прогнуть**) хам (қат) кардан(и); *(по знач. гл.* **прогнуться**) хам (кат) шудан(и), фуру хамидан(и) 2. ҷои хамида(гӣ), ҷои қатшуда, ҷои салкушуда

прогибание *с см.* **прогиб** 1

прогибать *несов. см.* **прогнуть**

прогибаться *несов.* 1. *см.* **прогнуться;** 2. *страд.* хам карда шудан

прогимназия *ж* прогимназия *(мактаби миёнаи нопурра дар Россияи тореволюционӣ)*; **женская** ~ прогимназияи занона

прогладить *сов.* 1. *что* уттӣ кардан, дарзмол кардан (задан); ~ **брюки** шалворро уттӣ кардан 2. *что и без доп.* муддате уттӣ кардан

прогладиться *сов* уттӣ шудан, уттӣ хурдан; **воротничок плохо ~лся** гиребони курта нағз уттӣ нашудааст

проглаживать *несов. см.* **прогладить** 1

проглаживаться *несов.* 1. *см.* **прогладиться;** 2. *страд.* уттӣ карда шудан

проглатывать *несов. см.* **проглотить**

проглатываться *несов. страд.* фуру бурда шудан

проглоти||ть *сов.* 1. *кого-что* фурӯ бурдан, хурдан; қулт кардан; **~ть кусок** луқмаро фуру бурдан 2. *что перен. разг.* гапи *касеро* хӯрдан, тоқат кардан, тоб овардан; **~ть оскорбление** гапи таҳқиромезро хурдан 3. *что перен. разг. (сказать невнятно)* норавшан (нимғурма) гап задан 4. *что перен. разг. (быстро прочитать)* зуд хонда баромадан, шаррос хондан ◇ **~ть пилюлю** сухани нофорамро шунида ҷавоб надодан, гап хурдан, забон хоидан; **~ть язык** забон нигоҳ доштан, лаб фуру бастан, сукут (хомушӣ) ихтиёр кардан; **язык проглотишь** бисьёр бамаза (болаззат); **как (будто, словно, точно) аршин ~л** хода хурдагӣ барин; **как (будто, словно, точно) муху ~л** хиратабъ, димоғаш гирифта, димоғсухта

проглядеть *сов.* 1. *кого-что* надида мондан, аз чашм гузарондан (гурезондан), бехабар мондан; ~ **ошибку** хаторо надида мондан 2. *что разг.* аз назар гузарондан, дида баромадан, сарсарӣ (сатҳӣ) дида баромадан; ~ **книгу** китобро аз назар гузарондан 3. муддате дидан (чашм дӯхтан) ◇ ~ **[все] глаза** 1) чашм чор кардан, чашм дар роҳ шудан; 2) чашм дӯхтан

проглядывать *несов. см.* **проглядеть** 2 *и* **проглянуть**

прогляну||ть *сов.* намудор (намоён) шудан, падидор шудан; **сквозь тучи ~ло солнце** офтоб аз байни абрҳо намудор шуд

прогнатизм *м антроп.* дарозҷоғӣ, дароз будани манах

прогнатический, -ая, -ое *антроп.* ...и дарозҷоғӣ, ...и дарозманаҳӣ

прогна||ть *сов.* 1. *кого-что* рондан, ҳай кардан, ҳай карда гузарондан (овардан, бурдан); **с пастбища ~ли стадо** рамаро аз ҷарогоҳ ҳай карда бурданд 2. *кого* ҳай (пеш) кардан, зада ҳай (пеш) кардан, берун кардан, рондан; **~ть собаку из комнаты** сагро аз хона пеш кардан // *разг. (уволить)* озод (холӣ) кардан; **~ть с работы** аз кор холӣ кардан 3. *что перен.* дур (дафъ, бартараф, нест) кардан; **~ть скуку** хафагиро дур кардан 4. *что и без доп. прост.* рондан, давидан, тохтан; **~ть верхом десять километров** савора даҳ километр тохтан ◇ **~ть сквозь строй** *ист.* чубкорӣ (камчинкорӣ, калтаккорӣ) кардан *(ҷазои ҷисмоние буд дар қушуни подшоҳӣ, ки солдатро аз миёни ду саф гузаронда калтаккорӣ мекарданд)*

прогиаться *сов. за кем-чем разг.* муддате аз паси (аз дунболи) *касе, чизе* давидан (тохтан), муддате таъқиб (дунболагирӣ) кардан

прогиевать *сов. кого-что уст.* оташин (хашмгин) кардан, ба ғазаб (ба хашму ғазаб) овардан

прогнева||ться *сов. уст.* оташин (хашмгин) шудан, ба ғазаб (ба хашму ғазаб) омадан, қаҳр кардан ◇ **не ~йся, не ~йтесь** 1) *уст.* айб накун(ед), маъзур дор(ед); 2) *ирон.* айб аз худат(он), худат(он) гунаҳгор

прогневить(ся) *сов. см.* **прогневать(ся)**

прогнивать *несов. см.* **прогнить**

прогнить *сов.* тамоман (ба куллӣ, комилан) пусидан (гандидан)

прогноз *м* пешгӯӣ, пешбинӣ, прогноз; ~ **погоды** пешгуии [обу] ҳаво // *мед.* прогноз *(пешакӣ гуфтани оқибати касалӣ ба асоси маълумот ё аломатҳои мавҷудаи касалӣ)*

прогнозирование *с* пешгуӣ кардан(и); прогноз кардан(и); ~ **землетрясений** пешгуии зилзила; ~ **стихийных бедствий** пешгӯии офатҳои табиӣ

прогноить *сов. что* пӯсондан, фасод кунондан

прогнусавить *сов. что и без доп. разг.* манқа гап задан, бо димоғ гап задан

прогну||ть *сов. что* хам (қат) кардан, хамондан, фуру хамондан; **книги ~ли полку** аз вазни китобҳо раф фуру хамидааст

прогнуться *сов.* хам (қат) шудан, хамидан, фурӯ хамидан

проговаривать *несов. см.* **проговорить** 1

проговариваться *несов. см.* **проговориться**

проговори||ть *сов.* 1. *что и без доп.* гуфтан, гап (ҳарф) задан; **он не ~л ни слова** у ҳарфе назад, ӯ хеҷ гап назад; **~ть сквозь зубы** зери лаб гуфтан (гап задан) 2. муддате суҳбат (гуфтугӯ, чақ-чақ) кардан, гапзанон кардан; **приятели ~ли всю ночь** ҷураҳо шаби дароз чақ-чак карданд, ҷураҳо бо суҳбат шабро руз карданд

проговориться *сов.* пукидан, нохост гуфта мондан, баногоҳ гуфта сирро ошкор кардан; ~ **о своих намерениях** нияти худро нохост гуфта ошкор кардан

проголодать *сов.* муддате гурусна (гушна) мондан, чанде гуруснагӣ кашидан

проголодаться *сов.* гурусна (гушна) мондан, гурусна шудан

проголосить *сов. уст.* муддате бо овози баланд гирья кардан (ҳӯнг-ҳӯнг гиристан)

проголосн||ый, -ая, -ое: **~ая песня** суруди кашоли дилхарош, таронаи кашоли ғамангез

проголосовать *сов.* овоз додан

прогон *м* 1. *(по знач. гл.* **прогнать** 1) ҳай карда гузарондан(и), ҳай карда бурдан(и) 2. *обл.* роҳи подаронӣ 3. *обл.* порчаи (китъаи) дарози марғзор (алафзор); **прокосить** ~ китъаи марғзорро дарав кардан

прогон II *м* 1. *(опорная балка)* забаррав, болор, таксинҷ 2. *(лестничная клетка)* зина, зинапоя 3. *театр.* репетицияи якум

прогон III *м см.* **прогоны**

прогонка I *ж прост. см.* **прогон** I 1

прогонка II *ж* асбоби кандакории берунӣ

прогонный, -ая, -ое ...и пули киро, ...и кирои роҳ, ...и музди киро[кашӣ] // *в знач. сущ.* **прогонные** *мн. см.* **прогоны**

прогоны *мн. (ед.* **прогон** *м разг.)* пули киро, кирои роҳ (1. *ист. кирои як санг роҳи фойтун дар Россияи асрҳои 18—19*; 2. *пули кирои роҳи оҳан, ки давлати Россияи тореволюционӣ ба офицерон ва амалдорон медод)*

прогонять I *несов. см.* **прогнать** 1, 2

прогонять II *сов. кого-что и без доп.* муддате рондан, муддате ҳай (пеш) кардан

прогоняться I *несов. страд.* пеш карда шудан

прогоняться II *сов. за кем-чем разг.* муддате аз паси (аз дунболи) *касе чизе* давидан (тохтан)

прогорать *несов. см.* **прогореть** 1—3

прогоревать *сов.* муддате ғам (ғусса) хӯрдан

прогорелый, -ая, -ое *разг.* сухта

прогоре́||ть *сов.* 1. сухтан: **одеяло ~ло от искры** кампал аз шарораи оташ сухт; **сковорода́ ~ла** тоба сухта шикоф шуд 2. тамоман сухтан, сухта лахча (чуғ) шудан, сухта хокистар шудан; **дрова в печи́ ~ли** ҳезуми печка сӯхта лахча шуд 3. *перен. разг.* шикаст хӯрдан, муфлис шудан, сухтан, шикастан; **акционе́рное о́бщество ~ло** ширкати саҳмдорон шикаст 4. муддате сухтан, даргирифта истодан; **свеча ~ла не́сколько мину́т и пога́сла** шамъ якчанд дақиқа даргирифту (сӯхту) мурд

прогорклость *ж* талхӣ, талх шудан(и), талхтаъмӣ

прогоркл||ый, -ая, -ое талх, талхшуда, талхтаъм, талхча; **~ое масло** равғани талхшуда, равғани талхча

прогоркнуть *сов.* талх шудан, талхтамъ шудан

прогорла́нить *сов. прост.* гулударронӣ кардан, бонг задан

прогости́ть *сов.* муддате меҳмон шудан

программа *ж* 1. *в разн. знач.* нақша, программа; **Програ́мма КПСС** Программаи КПСС; **~ разви́тия се́льского хозяйства** нақшаи тараққиёти хоҷагии қишлоқ; **~ сре́дней шко́лы** программаи мактаби миёна 2. барнома; **~ радиопереда́ч** барномаи радио; **конце́ртная ~** барномаи концерт 3. *мат.* программа

программи́рование *с* (*по знач. гл.* **программи́ровать**) программасозӣ, ба программа даровардан(и)

программи́ровать *несов. что* программа сохтан, ба программа даровардан

программи́ст *м* программасоз

програ́ммн||ый, -ая, -ое 1. ...и нақша, ...и программа; **~ый материа́л** материали программа 2. ...и барнома 3. программавӣ, асосӣ; **~ое выступле́ние** нутқи (суханронии) асосӣ ◇ **~ая му́зыка** мусиқии программавӣ (*мусиқие, ки аз рӯи мавзӯъ ё воқеаи муайян таълиф шудааст*); **~ое управле́ние** идоракунии программавӣ

прогреба́ть *несов. см.* **прогрести́**

прогрев *м* (*по знач. гл.* **прогреть**) гармкунӣ, тафсониш; (*по знач. гл.* **прогре́ться**) гарм шудан(и), тафсидан(и); **~ мото́ра** гарм кардани мотор

прогрева́емость *ж* дараҷаи гармшавӣ; **~ пе́чи** дараҷаи гармшавии кура

прогревание *с см.* **прогрев**

прогревать *несов. см.* **прогре́ть**

прогреваться *несов.* 1. *см.* **прогре́ться;** 2. *страд.* гарм карда шудан

прогреме́||ть *сов.* 1. ғурридан, ғурриш кардан, гулдуррос задан, гулдур-гулдур (тақар-туқур) кардан; **~л гром** раъду барқ гулдуррос зад; **гром ~л всю ночь** тамоми шаб раъду барқ гулдуррос мезад 2. *чем* гулдуррос занондан, ҷарангос занондан, ҷаранг-ҷаранг кунондан; **~ть ключами** калидҳоро ҷаранг-ҷаранг кунондан // (*проехать с шумом*) тараққотуруқ карда (гулдуррос зада) гузаштан (савора) 3. *перен.* шуҳрат ёфтан, машҳур шудан, шуҳратбаланд (шуҳратманд) шудан, оламгир гардидан; **имя э́того учёного ~ло на весь мир** номи ин олим оламгир шуд

прогре́сс *м* инкишоф, тараққӣ, тараққиёт, пешрафт, пешравӣ, прогресс; **техни́ческий ~** пешрафти техникӣ // *разг.* (*улучшение*) беҳтар (хубтар) шудан(и), беҳӣ, хубӣ, нағзӣ, беҳбудӣ

прогресси́вка *ж разг.* прогрессивка (*музди корбайъе, ки барои маҳсулоти зиёда аз норма аз рӯи нархҳои дараҷа ба дараҷа зиёдшаванда дода мешавад*)

прогресси́вность *ж* тараққипарварӣ, тараққихоҳӣ, тараққипарвар(она) будан(и); **~ взгля́дов** тараққипарварона будани ақидаҳо

прогресси́вн||ый, -ая, -ое (прогрессив|ен, -на, -но) 1. тадриҷан шиддатьёбанда, дараҷа ба дараҷа зиёдшаванда (афзуншаванда); прогрессивӣ; **~ая опла́та труда́** музди меҳнати батадриҷ афзоянда 2. мутараққӣ, пешқадам(она), пешоҳанг(она), пешрав(она), тараққипарвар(она), тараққихоҳ(она); **~ые взгля́ды** ақидаҳои мутараққӣ (тараққихоҳона); **~ое челове́чество** инсонияти тараққипарвар

прогресси́р||овать *несов.* 1. тадриҷан шиддат (инкишоф) ёфтан, зиёд (афзун) шудан, афзудан, қувват гирифтан, авҷ гирифтан; **боле́знь ~ует** касалӣ то рафт сахттар (вазнинтар) шуда истодааст 2. тараққӣ кардан, пеш рафтан, пешрафт кардан, инкишоф ёфтан, такмил ёфтан

прогресси́ст *м книжн.* тарафдори тараққиёт, тараққипарвар, тараққихоҳ

прогре́ссия *ж мат.* прогрессия (*силсилаи ададҳои тадриҷан зиёд ё камшаванда, ки дар он фарқи байни ду адади ҳамсоя аз миқдори муайян иборат аст*); **арифмети́ческая ~** прогрессияи арифметикӣ; **геометри́ческая ~** прогрессияи геометрӣ

прогрести́ *сов. что* бел кардан, туда (тӯб) кардан; **~ доро́жку в снегу́** бо бел дар барф роҳ кушодан

прогре́ть *сов. что* нағз гарм кардан, тафсондан; **~ помеще́ние** биноро гарм кардан

прогре́||ться *сов.* гарм шудан, тафсидан; **мото́р хорошо́ ~лся** мотор нағз гарм шуд (тафсид)

прогромыха́||ть *сов.* 1. ғурридан, гулдуррос задан, гулдур-гулдур (тақар-туқур) кардан, ғулғула андохтан; **~л гром** раъду барқ гулдуррос зад 2. *чем* гулдуррос занондан, ҷарангос занондан, ҷаранг-ҷаранг кунондан // (*проехать, громыхая*) тараққотуруқ карда (гулдуррос зада) гузаштан (савора)

прогрохота́ть *сов. см.* **прогромыхать**

прогрохоти́ть *сов. что* бо ғалбер бехтан, ғалбер кардан

прогрузи́ть *сов. что и без доп.* муддате бор кардан

прогрусти́||ть *сов.* муддате хафа (андуҳгин, ғамгин, маҳзун) шудан, муддате ғаму ғусса хурдан; **она́ ~ла весь ве́чер** вай тамоми шаб ғаму ғусса хӯрд

прогрыза́ть *несов. см.* **прогры́зть** 1

прогрыза́ться *несов.* 1. *см.* **прогры́зться;** 2. *страд.* хоида шудан

прогры́з||ть *сов.* 1. *что* хоида сурох кардан, хоидан, дандон задан; **мыши ~ли мешо́к с муко́й** мушҳо халтаи ордро хоида сурох карданд 2. *что и без доп.* муддате шикаста хурдан: **мы це́лый ве́чер ~ли оре́хи** мо шаби дароз чормағз шикаста хурдем

прогры́зться *сов. разг.* газида (хоида) сурох карда гузаштан (баромадан)

прогуде́||ть *сов.* 1. бонг (ҷор) задан, наъра кашидан (задан), хуштак кашидан; **~л гудо́к** бонг зад 2. *что перен. и без доп.* бо овози паст гап задан (гуфтан, сурудан), бо овози ғафсу баланд гап задан (сурудан) 3. муддате бонг задан ◇ **~ть** [**все**] **у́ши** *кому* гуш ба қомат овардан, безор кардан, ба дил задан, ба ҷон расондан; **ты мне все у́ши ~л** гӯшамро ба қомат овардӣ

прогу́л *м* дермонӣ, коргурезӣ

прогу́ливать *несов.* 1. *см.* **прогулять;** 2. *кого* сайру гашт кунондан, давр занондан; **~ лошаде́й** аспҳоро хунук кардан

прогу́ливаться *несов.* 1. *см.* **прогуля́ться;** 2. *страд.* сайру гашт кунонда шудан

прогу́лка *ж* сайру гашт, сайр, гашт, гардиш, саёҳат; **~ на лы́жах** сайри лыжаронӣ; **за́городная ~** саёҳати беруни шаҳр

прогу́лочн||ый, -ая, -ое ...и сайру гашт, ...и гардиш, ...и саёҳат; **~ые шлю́пки** завракчаҳои саёҳати

прогу́льный, -ая, -ое *разг.* ...и прогул

прогу́льщик *м* коргурез

прогу́льщица *женск. к* **прогу́льщик**

прогуля́ть *сов.* 1. муддате сайру гашт (сайр, гашт, гардиш) кардан 2. *что и без доп. разг.* сайру гашт карда аз чизе маҳрум шудан (мондан); **~ уро́ки** сайру гашт карда аз дарс мондан 3. *что и без доп.* ба кор набаромадан, коргурезӣ кардан 4. *что прост.* масти (айёшӣ, майнушӣ) карда исроф кардан (бар бод додан); **~ все де́ньги** тамоми пули худро ба мастӣ сарф кардан

прогуля́ться *сов.* сайру гашт кардан, (сайр, гашт, гардиш) кардан, давр задан, тамошо кардан

прод- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «озуқа»:* **продтова́ры** молҳои озуқа, хуроквори, озуқаворӣ; **продналог** андози озуқа

продава́ть *несов. см.* **продать**

продава́ться *несов.* 1. *см.* **прода́ться;** 2. *страд.* фурухта шудан, ба фуруш рафтан

продаве́ц *м* фурушанда, молфуруш, фурушгор

продави́ть *сов. что* зер карда фурӯ равондан (қат кардан); зер карда шикастан; чукондан; **~ стекло́** оинаро зер карда шикастан

продави́ться *сов.* фуру рафтан; ҷӯкидан

прода́вливать *несов. см.* **продави́ть**

продавливаться *несов.* 1. *см.* **продавиться;** 2. *страд.* чуконда шудан

продавщик *м уст. см.* **продавец**

продавщица *женск. к* **продавец**

продаж||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **продать**) фурухтан(и), фуруш; **~а цветов** фурухтани (фуруши) гулҳо, гулфурушӣ 2. фуруш, савдо; **оптовая ~а** фуруши яклухт (кутара); **розничная ~а** чаканафурушӣ, савдои чакана; **ручная ~а** 1) (*в аптеке*) бе рецепт фурухтани доруҳо дар дорухона 2) (*торговля с рук*) савдои чаканаи дастӣ; **поступить в ~у** ба фуруш омадан

продажность *ж* фурухташавандагӣ, зархарид будан(и), худфуруш будан(и); **~ буржуазной прессы** зархарид будани матбуоти буржуазӣ

продажн||ый, -ая, -ое (продаж|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* фуруши, ...и фуруш, ...и байъ; **~ая цена** нархи фуруш 2. *тк. полн. ф.* фурухташаванда, фурушӣ, фурухтани; **~ая вещь** чизи фурухташаванда (фурухтани) 3. *перен.* фурухташаванда, худфуруш, фоҳиш; **~ая женщина** зани худфуруш, фоҳиша 4. *перен.* фурумоя, виҷдонфуруш; **~ая душа** одами фурумоя

продалбливать *несов. см.* **продолбить**

продать *сов. кого-что* 1. фурухтан, ба фуруш расондан; **~ в кредит** [ба] насия фурухтан; **~ оптом** яклухт (кутара) фурухтан; **~ за гроши** ниҳоят арзон фурухтан, дар баҳои шалғам фурухтан; **~ себе в убыток** бо зарар фурухтан, фурухта зарар кашидан; **~ с торгов, ~ с молотка** бо савдои «кӣ зиёд?» фурухтан 2. *перен.* дағобозӣ кардан, хиёнат (хоинӣ, бевафоӣ; ғаддорӣ) кардан; **~ товарища** ба рафиқи худ хиёнат (бевафоӣ) кардан ◇ **дорого ~ свою жизнь** беҳуда ҷон нисор накардан, бо осонӣ ҷон нисор накардан; **за что купил, за то и продаю** фақат шунидагиамро мегуям

продаться *сов.* худфурушӣ кардан, дағобозӣ кардан, хиёнат (хоинӣ) кардан, бевафоӣ (ғаддорӣ) кардан; **~ врагу** ба тарафи душман гузаштан, ба душман фурухта шудан

продвигать *несов. см.* **продвинуть**

продвигаться *сов.* муддате ҷунбидан, дар ҳаракат будан

продвигаться *несов.* 1. *см.* **продвинуться;** 2. *страд.* пеш бурда шудан

продвижение *с* (*по знач. гл.* **продвинуть**) ба пеш рондан(и), пештар бурдан(и); равона (роҳӣ) кардан(и); (*по знач. гл.* **продвинуться**) пешравӣ, пешрафт; **~ войск** пешравии қушун

продвинуть *сов.* 1. *что* ба пеш рондан, пеш кашидан, пеш (пештар) бурдан, ба пеш тела додан, кашида бурдан; **~ шкаф в угол** чевонро тела дода ба кунҷи хона бурдан // (*протащить через что-л.*) тела дода баровардан // (*направить*) равона (роҳӣ) кардан, фиристодан; **~ полк к передовой линии** полкро ба хатти пеши ҷанг равона кардан 2. *что перен. разг.* пеш бурдан, шитобонидан; **~ дело** корро пеш бурдан 3. *кого* пешбарӣ кардан, ба мансаби (ба вазифаи) баландтар гузарондан; **~ по службе** ба вазифаи баландтар гузарондан (пешбарӣ кардан)

продвину||ться *сов.* 1. пеш рафтан (гузаштан), пешравӣ (пешрафт) кардан, ба пеш ҳаракат кардан; **полк ~лся к позициям противника** полк ба суи мавқеи душман пеш рафт // (*пролезть через что-л.*) зӯр зада даромадан (дохил шудан) 2. *перен. разг.* пеш рафтан, муваффақ (комьёб) шудан, ноил гардидан, тараққӣ кардан; **дело значительно ~лось** кор хеле пеш рафт 3. пеш рафтан, пешбарӣ шудан, ба мансаби (ба вазифаи) баландтар гузаштан; **~ться по службе** ба вазифаи баландтар таъин шудан

продевание *с* (*по знач. гл.* **продеть**) гузарондан(и), даровардан(и)

продевать *несов. см.* **продеть**

продеваться *несов.* 1. *см.* **продеться;** 2. *страд.* гузаронда шудан

продежурить *сов.* муддате навбатдорӣ кардан, навбатдор шудан; **~ всю ночь у постели больного** шаби дароз дар назди [бистари] бемор навбатдорӣ кардан

продезинфицировать *сов. что* дафъи уфунат кардан, дезинфекция кардан; **~ помещение** биноро дезинфекция кардан

продекламировать *сов. что и без доп.* иншод кардан, декламация кардан; **~ стихотворение** шеърро иншод хондан // (*проговорить высокопарно*) бо дабдаба (пуртумтароқ, бо карруфар) гап задан

продел *м* (*крупа*) ғалладонаи нимкуб, ярма; **рисовый ~** ярмаи биринҷ, биринҷи майда, оқшоқ

проделать *сов. что* 1. кушодан; сурох (шикоф) кардан; **~ дверь в стене** аз девор дар мондан (кушодан) // (*проложить*) гузарондан, кашидан, сохтан, мондан; **~ подземный ход** роҳи зеризаминӣ сохтан 2. кардан, сохтан, ба амал овардан, иҷро кардан, анҷом додан; **~ большую работу** кори калоне кардан; **~ фокус** найранг кардан (сохтан)

проделк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **проделать** 1) кушодан(и); сурох (шикоф) кардан(и) 2. кори ношоиста (ношоям), ҳила, дағо, найранг, ҳуққа, фиреб; **мошеннические ~и** ҳилаю найранги фиребгарона // (*шутливая выходка*) шухӣ, ширинкорӣ, масхарабозӣ

проделывать *несов. см.* **проделать** 1, 2

проделываться *несов. страд.* кушода шудан

проделын||ый, -ая, -ое нимкуб, реза, ...и ярма; **~ая крупа** ярмаи нимкуб

продемонстрировать *сов. кого-что* намоиш (нишон) додан, тамошо додан; **~ фильм** фильм нишон додан // (*проявить*) зоҳир (ошкор) кардан, изҳор кардан, нишон додан

продёрга||ть *сов. что* 1. яккабех (холибех) кардан, тунук (ягона) кардан, хишова кардан; **~ть рассаду** кучатро хишова кардан 2. муддате кандан (канда гирифтан, бехкан кардан); **она весь день ~ла лён** вай тамоми рӯз зағирпояхоро канда ғундошт

продёргивать *несов. см.* **продёрнуть** *и* **продёргать** 1

продёргиваться *несов.* 1. *см.* **продёрнуться;** 2. *страд.* гузаронда шудан

продержать *сов.* 1. *кого-что* муддате нигоҳ доштан, даст гирифта истодан, дошта истодан; **всю дорогу ~ ребёнка на руках** тамоми роҳ бачаро дар даст гирифта истодан 2. *что* муддате нигоҳ доштан; **эти балки продержат крышу ещё не один год** ин болорҳо бомро боз якчанд сол нигоҳ медоранд 3. *кого-что* (*не отпускать*) муддате нигоҳ доштан (боздоштан); **~ гостя весь вечер** меҳмонро тамоми шаб нигоҳ доштан (боздоштан) // (*держать у себя*) муддате дар дасти (дар пеши) худ нигоҳ доштан; **~ чужую книгу целый месяц** китоби каси бегонаро як моҳи расо [дар дасти худ] нигоҳ доштан 4. *кого-что* (*в каком-л. состоянии*) муддате нигоҳ доштан, боздоштан; **~ больного в постели три дня** беморро се руз дар бистар хобондан

продержаться *сов.* муддате истодагарӣ кардан, муддате тоб овардан, сабр (бардошт) карда истодан, муддате истодан; **~ на воде целый час** як соати расо дар руи об истодан; **~ до подхода подкрепления** то омадани қувваи имдодӣ истодагарӣ кардан

продёрнуть *сов.* 1. *что разг.* гузарондан, даровардан; **~ нитку в иголку** ресмонро аз сӯрохи сузан гузарондан 2. *кого-что перен. прост.* танқид (мазаммат) кардан, [сахт] задан; **~ кого-л. в стенгазете** қасеро дар рузномаи деворӣ мазаммат кардан

продёрну||ться *сов. разг.* гузаштан, даромадан; **нитка ~лась в ушко иголки** ресмон аз гушаки сузан гузашт

продеть *сов. что* гузарондан, даровардан; **~ верёвку в кольцо** арғамчинро ба (аз) ҳалқа гузарондан

проде||ться *сов.* гузаштан, даромадан; **верёвка ~лась в кольцо** арғамчин аз ҳалка гузашт

продефилировать *сов.* бо тантана гузаштан, бо дабдаба роҳ рафтан

продешеви||ть *сов. что и без доп. разг.* арзон фурухтан, ба нархи андак фурухтан, ба зарар фурухтан; **дом он продал, но ~л** у хонаро фурухт, лекин ба нархи арзон

продешевлять *несов. см.* **продешевить**

продиктовать *сов. что* 1. дикта кардан, имло кардан; **~ письмо** мактубро дикта кардан 2. *перен.* фармудан, фармон (супориш) додан, амр (фармоиш) кардан, ҳукм кардан; **~ условия мира** шарту шароити сулҳро ҳукм кардан

продирать *несов. см.* **продрать**

продираться *несов.* 1. *см.* **продраться;** 2. *страд.* дарронда шудан

продлевать *несов. см.* **продлить**

продлéние *с (по знач. гл.* **продлúть)** дароз кардан(и), кашолдиҳӣ, тулкашӣ, давом додан(и); ~ **срóка** дароз кардани мӯҳлат

продлúть *сов. что* дароз кардан, кашол (идома) додан, тул кашондан, давом додан; ~ **óтпуск** муҳлати отпускро дароз кардан

продлúться *сов.* дароз шудан, дароз (тул) кашидан, кашол (идома) ёфтан

продмáг *м* магазини озуқа (хурокворӣ, озуқаворӣ)

продналóг *м* андози озуқа *(ки дар соли 1921 ба ҷои тақсимоти озуқа ҷорӣ гардида, баъдҳо ба андози ягонаи хоҷагии қишлоқ мубаддал шуд)*

продовóльственный, -ая, -ое ...и озуқа, ...и озуқаворӣ, ...и хурокворӣ; ~ **магазúн** магазини озуқа (озуқаворӣ)

продовóльствие *с* озуқа, хурок, озуқаворӣ, хурокворӣ, ғизо, хӯрду хурок; **обеспéчить гóрод ~м** шаҳрро аз озуқа таъмин кардан

продовóльствовать *несов. кого-что уст.* аз озуқа (аз хурокворӣ) таъмин кардан

продовóльствоваться *несов. уст.* аз хурок (аз хурокворӣ) таъмин шудан

продолбúть *сов. что* зада сурох кардан, куфта сурох кардан // *что и без доп. перен. разг.* зӯр зада ба мақсад расидан, бо сахтиву душвориҳо мурод ҳосил кардан

продолговáтость *ж* дарозшаклӣ, дарозшакл будан(и)

продолговáт||ый, -ая, -ое (продолговáт, -а, -о) дарозшакл, дарозруя; **~ое блюдо** табақи дарозруя; **человéк с ~ым лицóм** одами дарозруй

продолжáтель *м* давомдиҳанда, давомкунанда, идомадиҳанда

продолжáтельница *женск. к* **продолжáтель**

продолжáть *несов.* 1. *что и с неопр.* давом (идома) додан, давом кунондан; тул (кашол) додан; ~ **рабóту** корро давом додан 2. *несов. к* **продóлжить** 1

продолжá||ться *несов.* 1. давом ёфтан (доштан), давом кардан, идома ёфтан; тӯл кашидан, кашол ёфтан; **собрáние ~лось два часá** маҷлис ду соат кашол ёфт; **дождь ~лся всю недéлю** борон як ҳафтаи расо борид 2. *страд.* давом дода шудан

продолжéние *с* 1. *(по знач. гл.* **продолжáть)** давом кунондан(и), давом додан(и); *(по знач. гл.* **продолжáться)** давом доштан(и), идома ёфтан(и); тул кашидан(и) 2. давом, идома, бақия; ~ **пóвести в слéдующем нóмере журнáла** давоми қисса дар шумораи минбаъда чоп мешавад ◇ **в** ~ *чего* дар давоми..., дар зарфи..., дар муддати..., дар рафти...; **в** ~ **учéбного гóда** дар давоми соли таҳсил

продолжúтельность *ж* давом, давомнокӣ, давомот, тул (тулонӣ) будан(и), муддат; ~ **поéздки** муддати сафар; ~ **óпыта** мӯҳлати таҷриба

продолжúтельн||ый, -ая, -ое (продолжúте|лен, -льна, -льно) мадад, давомдор, бардавом, кашол, тулонӣ; **~ая болéзнь** касалии дуру дароз (тулонӣ); **~ая зимá** зимистони дароз (кашол)

продóлжить *сов.* 1. *что* давом кунондан, давом (идома) додан; дарозтар кардан; кашол (тул) додан; ~ **трамвáйную лúнию** хатти (роҳи) трамвайро дарозтар кардан 2. *сов. к* **продолжáть** 1

продóлжиться *сов. см.* **продолжáться**

продóльн||ый, -ая, -ое ...и қад, ...и тул; **~ая сторонá здáния** қадди иморат; **~ая распúлка бревнá** ба дарозиаш арра кардани ғулачуб ◇ **~ая пилá** арраи тахтабуррӣ

продохн||ýть *сов. разг.* нафас кашидан (гирифтан) ◇ **~ýть нельзя́, не ~ýть, не ~ёшь** нафаси кас мегардад; **в кóмнате так дýшно, что не ~ёшь** ҳавои хона чунон дим аст, ки нафаси кас мегардад

продразвёрстка *ж* тақсимоти озуқа (озуқаворӣ), продразвёрстка *(тарзи таҳияи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар давраи коммунизми ҳарбӣ)*

продрáть *сов.* 1. *что разг.* даррондан, пора кардан, кандан, баддаррон кардан; ~ **рубáшку** куртаро даррондан (баддаррон кардан) 2. *кого-что прост. (сделать выговор)* сахт танқид кардан, мазаммат (ҷанг) кардан, сарзаниш кардан ◇ ~ **глазá** *прост.* бедор шудан, аз хоб хестан

продрá||ться *сов. разг.* 1. даридан, пора шудан, канда (сӯрох) шудан, ҷиғда-ҷиғда (ҷул-ҷул) шудан 2. тела-тела карда гузаштан (даромадан), зӯр зада гузаштан (даромадан), тиққӣ-тиққӣ карда гузаштан; **он éле ~лся сквозь толпý** ӯ аз миёни анбӯҳи мардум ба зӯр гузашт

продребезжá||ть *сов.* ғанинандоз шудан, ҷарангос задан, ҷиринг-ҷиринг (ҷаранг-ҷаранг) кардан; **~л будúльник** соати руимизӣ занг зад

продрейфовá||ть *сов. мор.* 1. сайр куч кардан *(бо ҷараёни об ё аз вазиши шамол — оид ба пирьях, одамон, киштӣ ва ғ.)*; **онú ~ли на льдúне далекó на востóк** онҳо дар болои яхпора ба самти дурдасти шарқ сайр карданд 2. *безл. что* бурдан, ба тарафи диғар бурдан, рондан; **лóдку ~ло в мóре** ҷараён заврақро ба миёни баҳр бурд 3. *что и без доп.* муддате куч кардан; **корáбль ~л два дня** киштӣ ду руз куч кард

продремáть *сов.* муддате пинак рафтан (кардан); ~ **цéлый час** як соати расо пинак кардан

продрóгнуть *сов.* сахт хунук хурдан, хунук хурда ларзидан, аз сармо ларзидан, хунук хурда дарақ-дарақ (дир-дир) ларзидан; ~ **на морóзе** дар ҳавои аёс хунук хурда ларзидан

продрожá||ть *сов.* муддате ларзидан, муддате дарақ-дарақ (дир-дир) ларзидан; **он до утрá ~л от хóлода** ӯ аз хунукӣ то саҳар ларзида баромад

продрóм *м мед.* аломати беморӣ, осори касалӣ (нотобӣ), нишонаи хастагӣ

продромáльный, -ая, -ое: ~ **перúод** *мед.* давраи (марҳилаи) пайдоиши нишонаҳои беморӣ

продтовáры *мн.* (продовóльственные товáры) молҳои озуқа, хӯрокворӣ, озуқаворӣ

продубúть *сов. что* даббоғӣ кардан, ош додан, торон додан; ~ **кóжу** пустро ош додан

продувáние *с (по знач. гл.* **продýть** 1) дамдиҳӣ, боддиҳӣ; ~ **котлá** боддиҳии дег

продувá||ть *несов.* 1. *см.* **продýть** 1, 2. 4; 2. *кого-что и без доп.* вазидан; **ветерóк приятно ~ет** насим форам мевазад

продувáться *несов.* 1. *см.* **продýться** 1; 2. *страд.* шамол дода тоза карда шудан

продýвка *ж тех. см.* **продувáние**

продувн||óй I, -ая, -ое *разг.* маккор, айёр, фиребгар, муғамбир, фиребгарнамо; **~óй мужúк** айёр; **~áя бéстия** шайтони бекафшу маҳсӣ

продувн||óй II, -ая, -ое ...и тоза кардан(и); **~óе отвéрстие** шамолдаро, сӯрохии шамолдаро

продýкт *м* 1. маҳсул, натиҷа, оқибат, самара, асар; ~ **мышлéния** маҳсули (натиҷаи) тафаккур // *(продукция)* маҳсулот, модда; **~ы сéльского хозя́йства** маҳсулоти хоҷагии қишлоқ; **~ы сгорáния** маҳсули сузиш; **~ы перегóнки нéфти** маҳсули тақтири нафт 2. *чаще мн.* **продýкты** маҳсулот, озуқа, озуқаворӣ, хурокворӣ, хурданиҳо, туша; **молóчные ~ы** маҳсулоти шир 3. масолеҳ, ашьё, ашьёи хом; ~ **для произвóдства винá** ашьёи (масолеҳи) истеҳсоли машрубот, масолеҳи майхобонӣ

продуктúвно *нареч.* самарбахш, самарнок, босамара, бобарака; ~ **рабóтать** самарбахш кор кардан, аз кор натиҷаи хуб гирифтан

продуктúвность *ж* маҳсулнокӣ, сермаҳсулӣ

продуктúвный, -ая, -ое (продуктúв|ен, -на, -но) 1. маҳсулнок, ҳосилнок, сермаҳсул, самарнок; ~ **труд** меҳнати сермаҳсул (самарнок) 2. маҳсулдеҳ, маҳсулдиҳанда, сермаҳсул, пурҳосил; ~ **скот** ҳайвоноти сермаҳсул, чорвои маҳсулдеҳ 3. *лингв.* сермаҳсул; ~ **сýффикс** суффикси сермаҳсул

продуктóвый, -ая, -ое ...и озуқа, ...и хурокворӣ, озуқавӣ; ~ **склад** анбори озуқа (хурокворӣ)

продуктообмéн *м* мубодилаи маҳсулот *(дар байни саноат ва хоҷагии қишлоқ бе савдо)*

продýкция *ж* маҳсулот, модда, ашьё; ~ **завóда** маҳсулоти корхона; **готóвая** ~ маҳсулоти тайёр // *(произведения умственного труда и т. п.)* асар, осор, таълифот, таснифот, маҳсул, натиҷа

продýманно *нареч.* андешакорона, дурандешона, андешамандона, мулоҳизакорона

продýманность *ж* боандешагӣ, андешакорӣ, пухтагӣ, пухта будан(и), бо фикру мулоҳиза кор кардан(и)

продýманный, -ая, -ое 1. *прич.* фикру

мулоҳиза кардашуда 2. *прил.* боандеша, андешакорона, андешида, пухта; ~ **вывод** хулосаи нағз фикр кардашуда

продумать *сов.* 1. *что* пурра (ҳартарафа) фикр (фикру мулоҳиза, фикру андеша) кардан; амиқ андешидан; ~ **план работы** нақшаи корро амиқ андешидан 2. муддате фикр (андеша, фикру хаёл) кардан; ~ **всю ночь** тамоми шаб (шаби дароз) фикру хаёл кардан

продумывать *несов. см.* **продумать** I

продумываться *несов. страд.* фикр карда шудан

проду||ть *сов.* 1. *что* пуф кардан, шамол (бод) дода тоза кардан; ~**ть самовар** самоворро пуф карда тоза кардан 2. *безл. кого-что* шамол задан; **не сиди у окна, тебя** ~**ет** дар назди тиреза нашин, шамол мезанад; **его** ~**ло, и он схватил насморк** у шамол хурда зуком шудааст 3. муддате вазидан; **ветер** ~**л весь день** рузи дароз шамол вазид 4. *что прост.* бохтан, бой додан, бар бод додан; ~**ть деньги в карты** пулро дар қартабозӣ бой додан

продуться *сов.* 1. *прост.* бохтан, бой додан *(дар қимор)* 2. *на кого и без доп. разг.* муддате ранҷидан (хафа шудан)

продух *м* бодкаш, шамолдаро, равзан(а)

продушина *ж* 1. бодкаш, шамолдаро, равзан(а); ~ **в погребе** шамолдарои таххона 2. *(прорубь, полынья)* ковокии пирьях, шикофи рӯи ях, ҷои яхнабастаи об

продушить *сов. кого-что разг.* буйнок кардан, буй гирондан; ~ **комнату лекарствами** хонаро бо доруҳо бӯй гирондан

продымить *сов. что* дуд кардан, дуд додан, дуд хӯрондан, дудолуд кардан; бо дуди тамоку олудан; ~ **помещение** хонаро дудолуд кардан

продымиться *сов.* буи дуд гирифтан, дуд хурдан, дудолуд шудан; аз дуд сиёх шудан

продыряви||ть *сов. что разг.* сурох (шикоф) кардан; **снаряд** ~**л броню** снаряд зиреҳро рахна кард // *(износить до дыр)* пушида-пушида даррондан, ҷиғда-ҷиғда (лахта-лахта) кардан, пора-пора кардан, ҷул-ҷул (сурох-сӯрох) кардан

продыряви||ться *сов. разг.* сурох (шикоф) шудан, сурох-сурох шудан, сершикоф шудан; **сеть** ~**лась** тӯр даридааст // *(износиться до дыр)* ҷиғда-ҷиғда (лахта-лахта, пора-пора) шудан, ҷул-ҷул (сурох-сурох) шудан, даридан

продырявливать *несов. см.* **продырявить**

продырявливаться *несов.* 1. *см.* **продырявиться**; 2. *страд.* сӯрох карда шудан

продышать *сов.* муддате нафас кашидан (гирифтан) // *разг.* *(прожить)* муддате зистан, зиндагӣ кардан

продышаться *сов. разг.* нафас рост кардан, амиқ нафас гирифтан (кашидан)

продюсер *м* фильмсоз, фильмгузор; соҳиби киностудия, продюсер

проедать *несов. см.* **проесть**

проедаться *несов. страд.* хурда сарф шудан

проезд *м* 1. *(по знач. гл.* **проехать** *и* **проездить** 1, 2) гузаштан(и), рафту омад, убур; ~ **машин воспрещён** гузаштани мошин манъ аст; **проезд самолётом** рафту омад бо самолёт; **деньги на** ~ пули кирои роҳ, харҷи роҳ, пули рафту омад 2. гузаргоҳ, маъбар, роҳи гузари савора; ~ **во двор** гузаргоҳи ҳавлӣ // *(переулок, улица)* тангкӯча, паскӯча, гузар ◇ **ни прохода (прохóду), ни** ~**а** (~**у**) на пиёда мегузараду на савора; илоҷи гузар нест

проездить *сов.* 1. муддате савора гаштан (рафтан), савор шуда гаштан, савора роҳ паймудан, саёҳат (сайр, гашт, сафар) кардан; ~ **два часа, отыскивая дорогу** ду соат савора гашта роҳ кофтан; ~ **весь отпуск** дар муддати тамоми отпуск сафар (сайр) карда гаштан 2. *что разг.* харҷи роҳ кардан, кирои роҳ додан, дар роҳ сарф кардан, ба сафар харҷ кардан; ~ **много денег** пули бисьёре ба сафар харҷ кардан 3. *кого* хунук кардан, дам гирондан, якта-якта (оҳиста-оҳиста) гардондан *(аспро бо мақсади хунук кардан)*

проезди||ться *сов. разг.* харҷи роҳ кардан, ба киро (ба сафар) харҷ кардан, дар роҳ сарф кардан; **он** ~**лся и теперь сидит без денег** тамоми пулашро ба сафар харҷ кард ва акнун бепул монд

проездка *ж* *(по знач. гл.* **проездить** 3) хунук кардан(и), якта-якта (оҳиста-оҳиста) гардондан(и) *(аспро бо мақсади хунук кардан)*

проездной, -ая, -ое ...и саворагардӣ, ...и сафар, ...и мусофират, ...и рафту омад, ...и роҳ; ~ **билет** билети мусофират

проездом *нареч. разг.* аснои роҳ, дар сари роҳ, болои роҳ, зимни убур (мусофират); **он был в этом городе** ~ ӯ ба ин шаҳр болои роҳ даромада буд

проезжать *несов.* 1. *см.* **проехать**; 2. *см.* **проездить** 2, 3

проезжаться *несов.* 1. *см.* **проехаться**; 2. *страд.* гузашта шудан

проезжающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* гузаранда, гузашта раванда 2. *в знач. сущ.* **проезжающий** *м*, **проезжающая** *ж* мусофир, сайёҳ, роҳгузари савора; **комната для** ~**их** хонаи мусофирон

проезживать *несов. см.* **проездить** 3

проезж||ий, -ая, -ее 1. саворарав, саворагард, гузаранда; ~**ая машина** мошини гузаштараванда // *в знач. сущ.* **проезжий** *м*, **проезжая** *ж* мусофир, сайёҳ, роҳгузари савора 2. саворагард, саворабоб; ~**ая дорога** роҳи саворагард; ~**ая часть улицы** қисми саворагарди куча

проект *м* 1. лоиҳа, нақша, тарх; ~ **электростанции** лоиҳаи сохтмони станцияи электрики 2. лоиҳа, мусаввада; ~ **договора** лоиҳаи шартнома; ~ **закона** лоиҳаи қонун 3. қасд, азм, ният, нақша; ~ **путешествия** азми (нақшаи) саёҳат ◇ **мертворождённый** ~ лоиҳаи ношоям, кори беҳуда

проектант *м* лоиҳакаш, нақшакаш, тарҳкаш

проективн||ый, -ая, -ое *мат.* проективӣ; ~**ая геометрия** геометрияи проективӣ *(як фасли геометрия, ки хосиятҳои шаклҳо ва ҷисмҳоро меомӯзад)*

проектирование *с* *(по знач. гл.* **проектировать**) лоиҳакашӣ, тарҳрезӣ; ~ **здания** лоиҳакашии бино, кашидани лоиҳаи бино

проектир||овать *несов. что* 1. лоиҳа (нақша) кашидан (сохтан), тарх кашидан, тарҳрезӣ кардан; ~**овать станок** лоиҳаи дастгоҳро кашидан 2. *тж. с неопр.* қасд (азм, ният) кардан, хаёл доштан; **он** ~**ует покупку машины** ӯ нияти харидани мошин дорад

проектироваться *несов. страд.* тарҳ кашида шудан

проектировка *ж* *(по знач. гл.* **проектировать** 1) лоиҳасозӣ, нақшакашӣ, тарҳрезӣ; ~ **жилого дома** кашидани лоиҳаи бинои истиқоматӣ

проектировочн||ый, -ая, -ое ... нақшакашӣ, ...и тарҳкашӣ; ~**ая экспедиция** экспедицияи лоиҳакашҳо

проектировщик *м* лоиҳакаш, лоиҳасоз, нақшакаш, тарҳкаш, тарҳрез

проектировщица *женск. к* **проектировщик**

проектн||ый, -ая, -ое лоиҳавӣ, ...и лоиҳасозӣ, ...и нақшакашӣ, ...и тарҳкашӣ; ~**ое дело** тарҳкашӣ; ~**ая группа** гурӯҳи лоиҳасозон; ~**ая мощность электростанции** иқтидори лоиҳавии станцияи электрики

проектор *м* проектор *(асбоби акскунанда барои калон карда нишон додан дар экран)*

проекционный, -ая, -ое проекционӣ, ...и проекция ◇ ~ **фонарь** фонуси проекционӣ

проекция *ж* проекция (1. *мат.* *дар сатҳе кашидани нақши шакл ва ҷисмҳо* 2. *ба ҳаҷми калон акс кунонда нишон додани рӯи экран нақша, сурат ва кинокадрҳо)*

проём *м* ҷои дар, ҷои тиреза, ҷои холӣ дар девор; **оконный** ~ ҷои тиреза, ҷои тирезамонӣ; **дверной** ~ ҷои дар, ҷои даршинонӣ

проёмн||ый, -ая, -ое сурохкунанда, шикоф карда гузаранда, дутарафа; ~**ые гвозди** меҳҳои шикоф карда гузаранда; ~**ая резьба** кандакории дутарафа, панҷарагулчин ◇ ~**ая печь** печи мағзидеворӣ

прое||сть *сов. что* 1. хоида (хурда) сӯрох-сӯрох кардан, дандон задан, задан; **моль** ~**ла сукно** куя моҳутро задааст // *разг.* хӯрдан, сӯрох шудан *(аз занг)*; **ржавчина** ~**ла крышу** боми тунука занг зада сурох шудааст, тунукаи бом занг зада шикоф-шикоф шудааст 2. *разг.* ба хурок (ба хурдухурок) сарф кардан, хурда тамом кардан; ~**сть все деньги** ҳамаи пулро хурда тамом кардан 3. *что и без доп.* муддате хӯр-

дан ◇ **зубы ~л на чём-л.** ба коре усто шуд, пухта шуд

проехать *сов.* 1. *что и без доп.* гузаштан, гузашта рафтан, роҳ рафтан, тай кардан, роҳ паймудан *(савора)*; ~ **деревню** қишлоқро тай кардан, аз (болои) деҳ гузашта рафтан; ~ **по дороге** аз роҳ гузашта рафтан; ~ **на машине** мошинсавор гузашта рафтан; **мы проехали десять километров** даҳ километр роҳро тай кардем; **сначала он проехал к себе домой** аввал вай роҳи хонаашро гирифт 2. муддате рафтан (роҳ гаштан); ~ **несколько часов** якчанд соат савора роҳ рафтан 3. *что* гузаштан, наистода (нафуромада) гузаштан; ~ **свою остановку** ба истгоҳи худ нафуромада гузаштан

проехаться *сов. разг.* сайр кардан, давр задан, гаштан (савора); ~ **по городу** шаҳрро давр задан; ~ **за город** ба беруни шаҳр сайр кардан, савора сайри беруни шаҳр кардан · ~ **на чей-л. счёт,** ~ **по чьему-л. адресу** ба касе пичинг паррондан

проецирование *с (по знач. гл.* **проецировать)** акс кунондан(и), проекция кардан(и)

проецировать *несов. что* проекция кардан, руи экран акс кунонда ба ҳаҷми калон нишон додан *(нақша, сурат ва кинокадрҳоро)*

проецироваться *несов. страд.* акс кунонда шудан, проекция карда шудан

прожаривание *с (по знач. гл.* **прожарить)** нағз (дуруст) бирьён кардан(и), хуб зирбондан(и); *(по знач. гл.* **прожариться)** нағз (дуруст) бирьён шудан(и), хуб зирбондан(и)

прожаривать *несов. см.* **прожарить** 1—3

прожариваться *несов.* 1. *см.* **прожариться** 1; 2. *страд.* нағз бирьён карда шудан

прожарить *сов. что* 1. нағз (дуруст) бирьён кардан, нағз пазондан, хуб зирбондан; ~ **мясо** гуштро нағз бирьён кардан 2. *разг. (прогреть)* гарм кардан, тафсондан *(дар буғ ва ғ.)* 3. *разг.* доғ кардан, тафсондан; ~ **одежду** либосро тафсонда тоза кардан 4. *тж. без доп.* муддате бирьён кардан

прожари||ться *сов.* 1. нағз (дуруст) бирьён шудан, нағз пухтан, хуб зирбондан; **мясо ~лось** гушт нағз бирьён шуд 2. *разг. (прогреться)* гарм шудан, тафсидан *(дар буғ ва ғ.)* 3. *разг.* муддате тафсидан (гарм шудан); **она весь день ~лась у плиты** вай рузи дароз дар дами алавӣ оташдон истод 4. муддате бирьён шудан (пухтан)

прожать I *сов. что* 1. пахш (зер) кардан, пахш (зер) карда фуру равондан; ~ **крышку коробки** сарпуши қуттичаро пахш карда фуру равондан 2. об кардан, фушурда гузарондан, пахш (зер) кардан; ~ **ягоды сквозь марлю** меваро фушурда обашро аз дока гузарондан 3. *тж. без доп.* муддате пахш (зер) кардан

прожать II *сов.* 1. *что* даравидан, дарав кардан; ~ **полосу ржи** як қитъаи киштзори ҷавдорро даравидан; ~ **дорожку во ржи** киштзори ҷавдорро даравида пайраҳа кушодан 2. *что и без доп.* муддате даравидан (дарав кардан); ~ **весь день** рузи дароз даравидан

прожда||ть *сов. кого-что, чего* интизорӣ кашидан, мунтазир шудан; **я ~л его до утра** ман то саҳар мунтазири у шудам

прожевать *сов. что* хоидан, нағз (хуб) хоидан, хоида мулоим кардан

прожеваться *сов.* хоида шудан

прожёвывать *несов. см.* **прожевать**

прожёвываться *несов.* 1. *см.* **прожеваться**; 2. *страд.* нағз хоида шудан

прожект *м уст.* лоиҳа, нақша // *ирон.* нақшаи беасос, қасди (азми) хом, нияти ботил

прожектёр *м ирон.* одами хомхаёл, хаёлпараст

прожектёрский, -ая, -ое *ирон.* хомхаёлона, хаёлпарастона

прожектёрство *с ирон.* хомхаёлӣ, хаёлпарастӣ

прожектёрствовать *несов. ирон.* хомхаёлӣ (хаёлпарастӣ) кардан, хаёлҳои ботил варзидан

прожектор *м* прожектор, нурафкан

прожекторист *м* прожекторчӣ

прожекторн||ый, -ая, -ое ...и прожектор, ...и нурафкан; **~ый луч** шуълаи нурафкан; **~ые лампы** лампаҳои нурафкан

прожелть *ж* зардча, ҷои зардтоб (зардчатоб); ранги зардтоб

прож||ечь *сов.* 1. *что* сузондан, бо оташ сузонда сурох кардан; **~ечь пол** тахтафарши хонаро сузондан // сурох (доғдор) кардан *(бо ягон чизи тунду тез)*; **~ечь ткань кислотой** матоъро бо туршӣ сурох (доғдор) кардан 2. *кого-что перен. (о боли)* сузондан, сахт дард кунондан, сӯзиш кунондан; **острая боль ~гла всё его тело** дарди сахт аъзои баданашро сузонд 3. *кого-что перен. (о взгляде, мысли и т. п.)* ба дил асар (таъсир) кардан; **её взгляд ~ёг его насквозь** нигоҳаш ба дили у асар кард, нигоҳаш то мағзи устухон сузонд 4. *что* сузонда (даргиронда, оташ зада) тоза кардан; **~ечь дымоход** мурироро бо оташи сахт тоза кардан 5. *что разг.* исроф кардан, несту нобуд кардан, бар бод додан, беҳуда сарф кардан; **~ечь деньги** пули худро исроф кардан 6. *что* муддате даргирондан (сузондан)

прожечься *сов. прост.* сухтан // сурох (доғдор) шудан *(бо ягон чизи тунду тез)*

прожжённый, -ая, -ое 1. *прич.* сухташуда 2. *прил. разг.* гузаро, ашаддӣ, ғаддор; маълум; ~ **плут** каллоби (фиребгари) гузаро, ҳуққабози рафтаистодагӣ

проживание *с (по знач. гл.* **проживать)** зиндагӣ кардан(и); сарф (исроф, харҷ) кардан(и)

проживать *несов.* 1. *см.* **прожить** 3; 2. зиндагонӣ (зиндагӣ) кардан, истиқомат (зист) кардан, зистан, маскан доштан; ~ **в деревне** дар деҳот зиндагонӣ кардан

проживаться *несов.* 1. *см.* **прожиться**; 2. *страд.* сарф карда шудан

прожигание *с (по знач. гл.* **прожечь** 4—5) сузонда тоза кардан(и); исроф кардан(и), бар бод додан(и), беҳуда сарф кардан(и); ~ **дымохода** сузонда тоза кардани дудкаш (мурӣ)

прожигатель *м:* ~ **жизни** айёш

прожигательн||ый, -ая, -ое ...и сузониш, ...и тафсониш; **~ое стекло** оинаи сузониш

прожигать *несов. см.* **прожечь** 1—5) ◇ ~ **жизнь** умр бар бод додан, айёшӣ кардан

прожигаться *несов.* 1. *см.* **прожечься**; 2. *страд.* сузонда шудан

прожилка *ж* 1. раг, хат, рах; *(дар санг, чуб ва ғ.)*; **белый мрамор с жёлтыми ~ми** мармари сафед бо рагҳои зард 2. *(жилка)* раг, рагу пай, раги хун

прожилок *м горн.* ковокии (рахнаи) қишри замин

прожимать *несов. см.* **прожать** I 1, 2

прожиматься *несов. страд.* пахш карда шудан

прожинать *несов. см.* **прожать** II 1, 2

прожинаться *несов. страд.* даравида шудан

прожиривать *несов. см.* **прожирить**

прожириваться *несов.* 1. *см.* **прожириться**; 2. *страд.* равған ҷаббонда шудан

прожирить *сов. что* равған хӯрондан (ҷаббондан, додан); ~ **кожу** пӯстро равған хурондан

прожириться *сов.* равған хурдан (ҷаббидан)

прожитие *с:* **на** ~ барои зисту зиндагӣ (рузгузаронӣ), ...и ризқу рузи; **деньги на** ~ пули ризқу рузи

прожиток *м:* **на** ~ *уст. разг. см.* **прожитие**

прожиточн||ый, -ая, -ое ...и зисту зиндагӣ, ...и рузгузаронӣ, ...и умргузаронӣ, ...и ризқу рузи; **~ые средства** пули ризқу рузӣ ◇ **~ый минимум** камтарин маблағ барои рӯзгузаронӣ, кути лоямут

прожит||ый, -ая, -ое 1. *прич.* басарбурда, гузаронда; сарфшуда 2. *в знач. сущ.* **прожитое** *с* айёми гузашта, гузаштаҳо; **воспоминания о ~ом** ёддоштҳои айёми гузашта, ёди гузаштаҳо

прожить *сов.* 1. умр дидан, умр (ҳаёт) ба сар бурдан, зиндагонӣ кардан, зистан: ~ **девяносто лет** навад сол умр дидан 2. муддате зиндагӣ (зиндагонӣ) кардан, муддате зистан; **он до конца жизни прожил в деревне** у то охири умраш дар деҳа зиндагӣ кард 3. *что перен.* ба рузгор сарф (исроф, харҷ) кардан; ~ **много денег** пули бисёре ба рузгор сарф кардан

прожиться *сов. разг.* пулро сарф карда бе чиз мондан

прожорливость *ж* пурхурӣ, носерамӣ, баднафсӣ, ғаламусӣ

прожорливый, -ая, -ое (прожорлив, -а, -о) пурхур, носерам, баднафс; ғаламус; ~ **человек** одами пурхур

прожужжа́||ть *сов.* 1. виззос (ғингос) зада паридан, виз-виз карда паридан, ғингос зада парида гузаштан; **му́ха ~ла над у́хом** магас аз пушти гӯш виззос зада парида гузашт 2. муддате виззос (ғингос) задан ◇ **~ть [все] у́ши** *кому* гушро ба қомат овардан, безор кардан, ба дил задан

про́з||а *ж* 1. наср, асари мансур; **писа́ть ~ой** [ба] наср навиштан 2. *перен.* ташвишу тараддуди оддии ҳарруза, кору бори рузмарра, кори ҳарруза, зисти муқаррарӣ; **~а жи́зни** кору бори ҳаррузаи ҳаёт

прозаи́зм *м лит.* калимаи (ифодаи) оддӣ, калимаи (ифодаи) ғайришоирона

проза́ик *м* насрнавис, носир

прозаи́ческ||ий, -ая, -ое 1. мансур, ...и наср, насрӣ; **~ое произведе́ние** асари мансур 2. *перен.* содда, оддӣ, муқаррарӣ, паст; **~ие вку́сы** завқи оддӣ, табъи паст; **~ие интере́сы** шавқу ҳаваси муқаррарӣ 3. *(практический)* амалӣ, ...и корбудкунӣ

прозаи́чность *ж* насрӣ, мансур будан(и); муқаррарӣ (оддӣ) будан(и)

прозаи́чный, -ая, -ое (прозаи́ч|ен, -на, -но) *см.* **прозаический** 2

проза́кла́дыва||ть *сов., несов. что:* **го́лову ~ю, го́лову гото́в ~ть** *разг.* ман зомин мешавам, ман боварӣ комил дорам, сарамро ба гарав мемонам, ки...

прозанима́ться *сов.* муддате машғул шудан (будан), чанде шуғл кардан, муддате кор кардан; **~ до глубо́кой но́чи** то як пос шаб машғул шудан

прозаседа́ть *сов.* муддате маҷлис кардан; **~ це́лый день** рузи дароз маҷлисбозӣ кардан

прозва́ние *с* лақаб, тахаллус

прозва́ть *сов. кого-что* лақаб додан (мондан), номидан, ном додан

прозвене́||ть *сов.* 1. ҷарангос (ҷингирос, ҷирингос) задан, занг (зангула) задан; **~л колоко́льчик** зангулача ҷирингос зад; **~ли де́тские голоса́** овози (садои) бачагон ба гӯш расид 2. муддате ҷарангос (ҷингирос, ҷирингос) задан

про́звище *с* лақаб, тахаллус, куния

прозвони́||ть *сов.* 1. занг задан, ҷарангос (ҷирингос) задан, танин андохтан, танинандоз шудан; **~л звоно́к** зангула занг зад 2. *что* занг (ноқус) зада эълон (эълом) кардан, бо занг хабар додан; **~ть переме́ну** занги танаффус задан

прозвуча́||ть *сов.* 1. садо (овоз) баровардан, садо додан; шунида шудан, ба гуш расидан; **~л колоко́льчик** садои зангулача баромад; **вдали́ ~ла пе́сня** аз дур овози суруд ба гуш расид 2. намоён (падидор, зоҳир) шудан; **в его́ го́лосе ~ла го́речь** аз овози у аламу ҳасрат зоҳир гашт

прозева́ть *сов. разг.* 1. *что* аз даст додан; ғофил мондан (шудан); **~ удо́бный моме́нт** фурсати муносибро аз даст додан // *кого-что* дар ғафлат мондан, бехабар мондан, надида мондан; **~ по́езд** аз омадани (аз рафтани) поезд бехабар мондан, аз поезд мондан 2. муддате хамьёза кашидан

прозе́ктор *м* прозектор, чоккунандаи майит

прозекто́рский, -ая, -ое 1. ...и прозектор, ...и чоккунандаи майит; **~ нож** корди майитчоккунӣ 2. *в знач. сущ.* **прозе́кторская** *ж* хонаи ташреҳ

про́зелень *ж* кабудӣ, ҷои кабудтоб; ранги кабуд (кабудтоб, сабзтоб), ранги пистоқитоб; **голубо́е пла́тье с ~ю** куртаи нилобии сабзтоб

прозели́т *м книжн.* 1. навэътиқод, навмазҳаб *(касе, ки нав ба дине даромада бошад)* 2. навмаслак, пайрави нави ягон маслак

прозимова́ть *сов.* зимистон гузарондан, зимистонро ба сар бурдан

прознава́ть *несов. см.* **прозна́ть**

прозна́ть *сов. прост.* дарак ёфтан, пай бурдан

прозоде́жда *ж* корҷома, либоси кор; **~ шахтёра** либоси ангиштткан

прозорли́вец *м книжн.* одами басир (дурандеш), валӣ, авлиё, бофаросат

прозорли́вость *ж книжн.* басират, фаросат, валигӣ, дурандешӣ, борикбинӣ

прозорли́вый, -ая, -ое (прозорли́в, -а, -о) *книжн.* бофаросат, борикбин; басир, дурандеш

прозра́чность *ж* шаффофӣ, шаффофият, софӣ; беғуборӣ; **~ воды́** соф будани об; **~ во́здуха** шаффофии (софии) ҳаво

прозра́чн||ый, -ая, -ое 1. шаффоф, соф, мусаффо; беғубор; **~ое стекло́** шишаи шаффоф; **~ая вода́** оби соф; **~ая ночь** шаби равшан, маҳтобшаб // *(тонкий)* ҳарир, нозук; **~ые кружева́** турҳои ҳарир 2. *перен.* ошкор, кушоду равшан, возеҳ, бепарда; **~ый намёк** кинояи кушоду равшан

прозрева́ть *несов. см.* **прозре́ть**

прозре́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **прозре́ть)** бино шудан(и), дубора дидан(и); **~е слепо́го** бино шудани кур 2. басират, борикбинӣ, дурандешӣ; **облада́ть да́ром ~я** дурандеш будан

прозре́ть *сов.* 1. бино шудан, дубора дидан 2. *перен.* ҳушьёр (воқиф) шудан, фаҳмидан, дарк кардан, донистан, чашм боз шудан

прозу́бривать I *несов. см.* **прозубри́ть** I

прозу́бривать II *несов. см.* **прозубри́ть** II I

прозубри́ть I *сов. что* дандонадор кардан, дандона баровардан, тез (суҳон) кардан; **~ тупу́ю пилу́** арраи кундро тез (суҳон) кардан

прозубри́ть II *сов. разг.* 1. *что* аз ёд кардан, тутивор аз бар кардан; **~ уро́к** дарсро аз ёд кардан 2. *что и без доп.* муддате аз ёд кардан

прозыва́ть *несов. см.* **прозва́ть**

прозыва́ться *несов. прост.* лақаб доштан, тахаллус гирифтан, куния доштан, номида шудан

прозяба́ние *с* зиндагии бемақсад, зиндагии ҳақирона

прозяба́ть *несов.* зиндагонии ҳақиронаю бемақсад ба сар бурдан

прозя́бнуть *сов. разг.* сахт хунук (сармо) хурдан; **~ на моро́зе** дар аёс хунук хурдан; **~ до мо́зга косте́й** то мағзи устухон хунук хурдан

проигра́ть *сов.* 1. *что и без доп.* бой додан, бохтан; **~ пари́** гаравро бой додан; **~ па́ртию в ша́хматы** бозии шоҳмотро бой додан; **~ де́ньги в ка́рты** дар қартабозӣ пул бой додан (пули худро бохтан); **~ сраже́ние** ҷангро бохтан, дар ҳарбу зарб шикаст хурдан 2. *что и без доп.* аз даст додан, гум кардан, зарар кашидан; **пье́са значи́тельно проигра́ла от плохо́й постано́вки** пьеса аз таҳияи беҳунарона хеле зарар дидааст 3. *что разг.* навохтан; **~ пласти́нку** қарта мондан, сафҳа навохтан 4. муддате бозӣ кардан; **~ весь день в ша́шки** рузи дароз дамкабозӣ кардан

проигра́ться *сов. разг.* бой додан, бохтан, дору надори худро бохтан, будушуди худро ба қимор бой додан; **~ в ка́рты до после́дней копе́йки** як пули сиёҳ намонда ҳамаро дар қартабозӣ бой додан

прои́грывание *с* *(по знач. гл.* **проигра́ть** 4) навозиш, навохтан(и); **~ пласти́нки** навохтани (мондани) сафҳа

прои́грыватель *м* қартамонак, сафҳамонак *(дар радиола)*

прои́грывать *несов. см.* **проигра́ть** 1—4

прои́грываться *несов.* 1. *см.* **проигра́ться**; 2. *страд.* бой дода шудан; навохта шудан

про́игрыш *м* 1. бохт, бойдиҳӣ, бой додан(и); **~ ма́тча** бой додани мусобиқа 2. пули бохта; **кру́пный ~** маблағи калони бой додашуда 3. *(потеря)* талаф, зарар, зиён, шикаст

проигрышн||ый, -ая, -ое носоз, носозгор, номусоид, ногувор; **~ое положе́ние** вазъияти ногувор

произведе́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **произвести́)** кардан(и), ба вуҷуд овардан(и) 2. асар, тасниф, ҳосил, маҳсул; **~ иску́сства** асари санъат; **музыка́льное ~** асари мусиқӣ 3. *мат.* ҳосили зарб

произвести́ *сов.* 1. *что* кардан, бурдан, иҷро (адо) кардан, ба ҷо овардан, ба вуҷуд (ба амал) овардан; **~ о́пыт** таҷриба кардан; **~ сле́дствие** тафтиш кардан; **~ вы́стрел** тир андохтан, тир холӣ кардан; **~ подсчёт** ҳисоб кардан, ҷамъбаст кардан 2. *что (выработать)* сохтан, сохта баровардан, **тавлид** кардан, истеҳсол (ҳосил) кардан 3. *что* сабаб (боис) шудан, хезондан, ба вуҷуд овардан; **~ переполо́х** мағалу ғавғо (галотӯб) ба вуҷуд овардан; **~ впечатле́ние** таъсир кардан 4. *кого-что книжн.* зоидан, офаридан, ба дуньё овардан; **~ пото́мство** насл (зурриёт) ба дуньё овардан 5. *кого-что* ба мансабе бардоштан (соҳиб кардан), ном (унвон, рутба) додан; **~ в офице́ры** ба рутбаи офицерӣ бардоштан ◇ **~ на свет** *кого-что* зоидан, офаридан

производи́тель *м* 1. *эк.* тавлидкунанда, истеҳсолкунанда 2. *с.-х.* ҳайвони зотӣ (наслдеҳ), нар, нарина *(аз қабили буққа, хурус ва ғ.)* ◇ **~ рабо́т** коргузор

производи́тельность *ж* 1. ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ, маҳсулдиҳӣ, самарнокӣ, самарбахшӣ; **~ труда́** ҳосилнокии меҳ-

нат; ~ **предприятия** маҳсулдиҳии корхона 2. фоиданокӣ, муфид будан(и), манфиатбахш (манфиатовар) будан(и); ~ **затрат** фоиданокии хароҷот

производи́тельн||ый, -ая, -ое (производи́те|лен, -льна, -льно) ҳосилдиҳанда, маҳсулдеҳ, сермаҳсул, самарнок, самарбахш; ~**ый труд** меҳнати сермахсул (самарбахш) ◇ ~**ые си́лы** *эк.* қувваҳои истеҳсолкунанда

производи́||ть *несов.* 1. *см.* **произвести́**; 2. *кого-что, от кого-чего (устанавливать происхождение)* нисбат додан, таъин (муқаррар) кардан ◇ **каки́х (како́го) свет (мир) не** ~**л** нестдарчаҳон, гӯшношунида, бадтарин, расвои гузаро

производи́ться *несов. страд.* [иҷро] карда шудан

произво́ди||ый, -ая, -ое 1. маҳсули, ҳосилшуда, ...и ҳосил, муштақ; ~**ая величина́** бузургии ҳосилшуда 2. *лингв.* сохта, муштақ; ~**ый глаго́л** феъли сохта; ~**ое сло́во** калимаи сохта

произво́дственник *м* коркуни (коргари) истеҳсолот

произво́дственница *женск. к* **произво́дственник**

произво́дственн||ый, -ая, -ое ...и истеҳсолот, истеҳсоли, истеҳсолотӣ; ~**ый план** плани (нақшаи) истеҳсолот; ~**ая пра́ктика** таҷрибаомузии истеҳсолӣ; ~**ая брига́да** бригадаи истеҳсолӣ ◇ ~**ые отноше́ния** *эк.* муносиботи истеҳсолӣ

произво́дств||о *с* 1. *(по знач. гл.* **произвести́** 1) кардан(и), иҷро кардан(и); анҷом, тавлид; ~**о сле́дствия** бурдани тафтишот; ~**о о́пытов** таҷриба кардан(и), таҷриба гузарондан(и) 2. истеҳсолот, истеҳсол; **ору́дия** ~**а** олоти истеҳсолот; **сре́дства** ~**а** воситаҳои истеҳсолот; **спо́соб** ~**а** усули истеҳсолот; ~**о ста́ли** истеҳсоли пулод; ~**о бума́ги** истеҳсоли коғаз 3. истеҳсолот, корхона; **нача́льник** ~**а** сардори истеҳсолот, мудири корхона; **учи́ться без отры́ва от** ~**а** аз истеҳсолот ҷудо нашуда хондан 4. саноат, соҳа; **сталелите́йное** ~**о** саноати пулодрезӣ; **тексти́льное** ~**о** саноати бофандагӣ 5. *(присвоение звания)* ба мансаб бардоштан(и), ном (унвон, рутба) додан(и); ~**о в офице́ры** рутбаи офицерӣ додан, ба рутбаи офицерӣ бардоштан

производя́щий, -ая, -ее *прич., прил.* истеҳсолкунанда; ~ **райо́н** минтақаи (мавзеи) истеҳсолӣ

произво́л *м* 1. *(своеволие)* худсарӣ, худраъӣ, якраъӣ 2. *(деспотизм)* зулм, ситам, истибдод, бедод 3. беасос будан(и), бедалелӣ; ~ **в сужде́ниях** беасос будани фикру мулоҳиза ◇ **оста́вить (бро́сить, поки́нуть) на** ~ **судьбы́** ба тақдир ҳавола кардан, бенигоҳу бин (бепарастор) монондан

произво́льно *нареч.* худсарона, худраъёна, ба майли худ

произво́льность *ж* 1. ихтиёри (озодона) будан(и); ~ **движе́ний** озодона будани ҳаракот 2. беасосӣ, беасос будан(и); ~ **вы́вода** беасос будани хулоса

произво́льн||ый, -ая, -ое (произво́|лен, -льна, -льно) 1. ихтиёрӣ, озодона; ~**ые движе́ния** ҳаракоти озодона 2. худсарона, худраъёна, ба ихтиёри худ, ба майли худ; ~**ое распоряже́ние** амри худраъёна 3. беасос, бедалел; ~**ый вы́вод** хулосаи беасос

произнесе́ние *с (по знач. гл.* **произнести́**) талаффуз; хонда додан(и), эълон, эълом; **непра́вильное** ~ **зву́ков** талаффузи нодурусти овозҳо; ~ **пригово́ра** эъломи ҳукм, хонда додани ҳукм

произнести́ *сов. что* 1. талаффуз кардан, гуфтан; **пра́вильно** ~ **сло́во** калимаро саҳеҳ талаффуз кардан 2. гап задан, сухан гуфтан, изҳор доштан, эрод (баён) кардан; ~ **речь** нутқ эрод кардан; **он не произнёс ни сло́ва** вай ҳарфе назад 3. хондан, хонда додан, эълон (эълом) кардан; ~ **пригово́р** ҳукмро (ҳукмномаро) эълон кардан

произноси́тельн||ый, -ая, -ое *лингв.* ...и талаффуз, ...и тарзи гуфтор (адо); ~**ые на́выки** малакаҳои талаффуз

произноси́ть *несов. см.* **произнести́**

произноси́ться *несов. страд.* гуфта шудан

произноше́ние *с* талаффуз, тарзи гуфтор; **пра́вильное** ~ талаффузи саҳеҳ; **ру́сское** ~ талаффузи русӣ

произо||йти́ *сов.* 1. рӯй додан, воқеъ шудан, ба вуқуъ пайвастан, иттифоқ афтодан; ~**шла́ ссо́ра** ҷанҷол (хархаша) шуд, мунокиша хест; **пожа́р** ~**шёл от неосторо́жного обраще́ния с огнём** сухтор аз [сабаби] муомилаи беэҳтиётона бо оташ рӯй дод 2. *от кого-чего (родиться)* ба дунёъ омадан, таваллуд ёфтан; пайдо шудан

произраста́ние *с (по знач. гл.* **произрасти́**) руиш, сабзиш, расиш, руш, неш задан(и); ~ **расте́ний** руиши растаниҳо; ~ **семя́н** неш задани тухми

произраста́ть *несов.* 1. *см.* **произрасти́**; 2. *(расти где-л.)* руидан, сабзидан

произрасти́ *сов.* руидан, сабзидан, расидан, нумӯъ кардан, неш задан; **из семя́н произросло́ де́рево** аз тухми дарахт руид

проиллюстри́ровать *сов. что* 1. суратнок кардан, мусаввар кардан; ~ **кни́гу** китобро мусаввар кардан 2. *перен.* намуна (мисол, тимсол) овардан, нишон додан, намоиш додан; ~ **докла́д приме́рами** дар асрои маърӯза мисолҳо овардан

проинструкти́ровать *сов. кого-что* дастур (дастуруламал) додан; ~ **агита́торов** ба таблиғотчиён дастур додан

проинтервьюи́ровать *сов. кого* интервью гирифтан, мусоҳиба доштан (кардан)

проинформи́ровать *сов. кого* хабар (ахборот, иттилоъ) додан, хабардор кардан

происка||ть *сов. кого-что* муддате ҷустуҷӯ (кофтуков, суроғ) кардан, муддате ҷустан (кофтан); **она це́лый час** ~**ла ну́жную кни́гу** вай як соати том китобро кофтуков кард

про́иски *тк. мн.* иғво, иғвогарӣ, ҳилаю найранг, дасоис, фитнагарӣ; ~ **враго́в** фитнаи душманон

проистека́ть *несов. см.* **происте́чь**

происте́чь *сов. книжн.* 1. *уст.* ҷорӣ шудан, шоридан, рехтан 2. *перен.* рӯй додан, пайдо шудан, баромадан, содир шудан, сар задан

происходи́вш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* рӯй дода воқеъ шуда 2. *в знач. сущ.* **происходи́вшее** *с* ҳодисаҳои рӯйдода (воқеъшуда, содиршуда); **вы́сказать своё мне́ние по по́воду** ~**его** фикру мулоҳизаи худро дар бораи ҳодисаҳои рӯйдода изҳор намудан

происходи́ть *несов.* 1. *см.* **произойти́** 1; 2. *от кого-чего, из кого-чего* баромадан, тааллуқ доштан, мансуб будан; **он происхо́дит из рабо́чей семьи́** у аз насли (аз авлоди) коргар аст

происходя́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* рӯйдиҳанда, сарзананда 2. *в знач. сущ.* **происходя́щее** *с* ҳодисаҳои рӯйдиҳанда, воқеият; **обсужда́ть** ~**ее** воқеиятро муҳокима кардан

происхожде́ни||е *с* 1. асл, нажод, насаб, баромад; **он по** ~**ю крестья́нин** у деҳқонзода аст, у аз авлоди деҳқон аст 2. пайдоиш, пайдо шудан(и), ба вуҷуд (ба амал) омадан(и), тавлид шудан(и); ~**е жи́зни на земле́** ба вуҷуд омадани (пайдоиши) ҳаёт дар [рӯи] замин; ~**е языка́** пайдоиши забон

происше́дш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* руйдода, воқеъшуда, гузашта 2. *в знач. сущ.* **происше́дшее** *с* гузашта, саргузашт, шудагузашта, мозӣ; **воспомина́ния о** ~**ем** хотираҳои ҳаёти гузашта

происше́ствие *с* ҳодиса, воқеа, моҷаро, пешомад, саргузашт

про́йденн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тайшуда, паймуда 2. *в знач. сущ.* **про́йденное** *с* мавзуи (дарси) гузашта, дарси пешина (омӯхташуда); **повторе́ние** ~**ого** такрори дарсҳои гузашта

пройдо́ха *м, ж разг.* фиребгар, қаллоб, риёкор, маккор, муғамбир, корчаллон

про́йма *ж* ҷои остин, ҷои пайвастани остин, ҷоки остин

пройти́ *сов.* 1. *что и без доп.* гузаштан, рафтан, роҳ гаштан, роҳ тай (убур) кардан (паймудан), рад шудан; ~ **по доро́ге** аз роҳ гузаштан; ~ **де́сять киломе́тров** даҳ километрро тай кардан // рафтан, рафта омадан, равона (роҳӣ) шудан; ~ **к ре́чке** ба лаби дарьё рафтан; ~ **к трибу́не** ба минбар гузаштан // *что* рақсидан, ракс кардан; ~ **не́сколько ту́ров ва́льса** якчанд бор вальс рақсидан // *(на каком-л. транспорте)* гузаштан, тай кардан *(савора)*; ~ **по Ка́спию на су́дне** баҳри Каспийро киштисавор гузаштан 2. *что и без доп.* гузаштан, [надида] гузашта рафтан; **заговори́вшись**, ~ **свой дом** саргарми гуфтугу шуда аз пеши хонаи худ [надида] гузашта рафтан // *что* гузаштан, убур кардан, гузашта рафтан; ~ **дере́вню** аз деҳа гузашта рафтан 3. *(о шуме и т. п.)* паҳн шудан, фаро гирифтан, танинандоз шудан // *(о слухах и т. п.)* паҳн шудан, овоза шудан, гап-гап (миш-миш) шудан; **о нём про-**

шла худая слава дар хаққи вай овозаи бад паҳн шудааст 4. *перед кем-чем перен.* гузаштан, ба хаёл (ба ёд) омадан, аз фикр (аз пеши назар) гузаштан; **события последних дней прошли перед его глазами** вокеаҳои рӯзҳои охир аз пеши назараш гузаштанд 5. *перен.* дамидан, зоҳир (ошкор, намоён) шудан, ҷилва намудан: **по её лицу прошла улыбка** дар рӯяш табассум дамид 6. *(об осадках)* боридан, омадан, андак боридан; **прошёл дождь** борон борид, борон бориду монд 7. даромадан, гузаштан, дохил (ворид) шудан; **этот шкаф не пройдёт в дверь** ин ҷевон аз дар намедарояд // ҷаббида (таровида, заҳида) гузаштан; **чернила прошли сквозь бумагу** сиёҳӣ аз коғаз заҳида гузаштааст // *что горн.* кандан, кофтан, канда (кофта) гузарондан; **~ горную породу** маъдан (кон) кандан // *что* кон карда гузаштан; **~ грядку** ҷуяк кашидан 8. *что чем* молидан, ловидан; **~ потолок мелом** бар руи шифт бур молидан 9. кашида шудан, гузаштан; **через село прошла железная дорога** аз деҳа роҳи оҳан гузашт 10. *разг.* қабул (интихоб, пазируфта) шудан; **~ по конкурсу** аз конкурс гузаштан 11. *что, через что* гузаштан, таҳаммул кардан, тоб овардан, тоқат кардан; **~ через тяжёлые испытания** ба санҷиши хаёт тоб овардан, аз санҷиши ҳаёт гузаштан // гузаштан, паймудан, тай кардан, аз сар гузарондан; **~ различные стадии развития** давраҳои гуногуни тараққиётро аз сар гузарондан // гузаштан, тафтиш шудан, аз назорат гузаштан; **~ проверку** аз тафтиш гузаштан, тафтиш шудан; **~ комиссию** аз комиссия гузаштан 12. *(о времени, событиях и т. п.)* гузаштан, паси сар шудан, аз сар гузаштан; **прошли многие годы** солҳои бисьёре гузашт // гузаштан, анҷом додан, ба охир (ба анҷом) расидан; **уборка прошла хорошо** дарав нағз гузашт 13. *что (курс обучения, лечения и т. п.)* гузаштан, ба ҷо овардан, адо (буд, иҷро, тамом) кардан, гузарондан; **~ военную службу** хизмати ҳарбиро тамом кардан; **~ практику** таҷриба омухтан 14. *что разг.* омухтан, ёд гирифтан, хондан, омухта тамом кардан, таҳсил кардан; **~ историю СССР** таърихи СССР-ро омухтан 15. тамом шудан, мондан, гузаштан, бас (нест, қатъ) шудан; **дождь прошёл** борон монд // дуруст (сиҳат) шудан, сиҳат ёфтан; **голова прошла** дарди сарам монд ◇ **~ [сквозь] огонь и воду [и медные трубы]** ба ҳафт гулах алав мондан, гармою сармо чашида (дида) пухта шудан; **~ между рук** беҳуда сарф шудан, бар бод рафтан *(оид ба пул)*; **~ через руки** *кого, чьи* аз дасти касе гузаштан; **лёд прошёл** яхи дарьё гузашт; **даром не пройдёт** *что кому* беҷазо намемонад

пройтись *сов.* 1. қадам задан, гаштан, гардиш кардан, каме сайр (гаштугузор) кардан // *разг. (в танце)* рақсидан, рақс (усул, бозӣ) кардан 2. *см.* **пройти** 8; **~ щёткой по волосам** муйсарро бо чӯтка молидан 3. *разг. (по клавишам и т. п.)* навохтан, ангушт (нохун) задан; **~ по струнам гитары** торҳои гитараро ангушт (нохун) зада навохтан ◇ **~ на чей-л. счёт, ~ по чьему-л. адресу** ба касе пичинг (гап) паррондан

прок *м разг.* фоида, манфиат, нафъ, суд; **что в этом ~у?** аз ин кор чӣ нафъ?, аз ин гап чӣ суд? ◇ **знать ~** *в чём уст.* аз панҷ болоро донистан; ба қадри чизе расидан

прокажённая *женск. к* **прокажённый**

прокажённый *м* махав, ҷузом

проказа I *ж (озорство)* шухӣ, ҳазл, мазоҳ, шайтанат

проказа II *ж мед.* махав, ҷузом

проказить *несов. разг. см.* **проказничать**

проказливость *ж разг.* шухӣ, ҳазлбозӣ, шайтонӣ

проказливый, -ая, -ое (проказлив, -а, -о) *разг.* шух, ҳазлбоз, шайтон, шайтанатомез

проказник *м* шух, ҳазлбоз, шайтон

проказница *женск. к* **проказник**

проказничать *несов.* шухӣ (шумӣ) кардан, ҳазлу шухӣ кардан, ҳазлбозӣ (шайтанат) кардан

прокаливание *с (по знач. гл.* **прокалить**) тафсониш; *(по знач. гл.* **прокалиться**) тафсидан(и)

прокаливать *несов. см.* **прокалить**

прокаливаться *несов.* 1. *см.* **прокалиться**; 2. *страд.* доғ карда шудан

прокалить *сов. что* дар оташ сурх кардан, тафсондан, доғ кардан // *разг. (сильно прогреть)* доғ кардан, бисьёр тафсондан

прокалиться *сов.* дар оташ сурх шудан, тафсидан, доғ шудан // *разг. (сильно прогреться)* бисьёр гарм (доғ) шудан, бисьёр тафсидан

прокалывание *с (по знач. гл.* **проколоть** I) халондан(и), гузарондан(и)

прокалывать *несов. см.* **проколоть** I

прокалываться *несов.* 1. *см.* **проколоться**; 2. *страд.* сурох карда шудан

прокалякать *сов. прост.* муддате чақчақ кардан, гуфтугӯ карда нишастан, чанде лаққидан

проканителить *сов. прост. см.* **проканителиться**

проканителиться *сов. разг.* муддате овора (саргардон) шудан

прокапчивать *несов. см.* **прокоптить** 1, 2

прокапчиваться *несов.* 1. *см.* **прокоптиться**; 2. *страд.* дудолуд карда шудан

прокапывание *с (по знач. гл.* **прокопать** 1, 2) кофтан(и), кандан(и), бурида гузаштан(и); *(по знач. гл.* **прокопаться** 1) кофта даромадан(и)

прокапывать *несов. см.* **прокопать** 1, 2

прокапываться *несов.* 1. *см.* **прокопаться** 1; 2. *страд.* кофта шудан

прокараулить *сов. кого-что и без доп. разг.* 1. *(прозевать)* ғафлат кардан, поида истода надида мондан 2. муддате посбонӣ (қаравулӣ) кардан, чанде поидан

прокаркать *сов.* 1. қар-қар кардан, қаррас задан 2. муддате қар-қар кардан

прокармливать *несов. см.* **прокормить** 1

прокармливаться *несов. см.* **прокормиться**

прокат I *м* 1. *см.* **прокатка**; 2. *тех.* прокат; **сортовой ~** прокати навъи аъло

прокат II *м* киро, кироя; **взять на ~** киро (кироя) кардан, ба киро (ба кироя) гирифтан; **плата за ~** пули киро (кироя), киропулӣ

прокатать *сов.* 1. *что* ғелонда тахт кардан; **~ бельё** либосро ғелонда тахт кардан 2. *что тех.* прокат кардан, варақа кардан; **~ железо** оҳанро варақа кардан 3. *кого-что* муддате савора сайр кунондан

проката||ться *сов.* 1. ғелонда тахт карда шудан; **бельё ~лось хорошо** ҷомашуӣ нағз ғелонда шуд 2. муддате савора сайру гашт кардан 3. *разг. см.* **прокатиться** 2

прокатить *сов.* 1. *что* ғелондан, рондан, роҳ равондан, бурдан; **~ тачку по дорожке** занбарғалтакро аз пайраҳа рондан 2. *кого-что* савора сайр (гардиш) кунондан, саворӣ кардан, савор кунондан; **~ на велосипеде** бо велосипед сайр кунондан, савори дучарха кунондан 3. *разг. (быстро проехать)* тез гузаштан (убур кардан), босуръат роҳ паймудан 4. *кого перен. разг. (на выборах)* шикаст додан, овоз (раъй) надодан, интихоб накардан, рад кардан ◇ **~ на вороных** *уст. шутл.* ғалтондан *(дар интихобот)*

прокати||ться *сов.* 1. ғелидан, ғелида рафтан; **мяч ~лся до стены** туб то девор ғелида рафт // *перен. (о звуках)* ба гуш расидан, танинандоз шудан, баланд (паҳн) шудан; **по лесу ~лось эхо** акси садо ба саросари ҷангал паҳн шуд 2. сайр кардан, гаштан, гардиш кардан; **~ться верхом** савора сайр кардан; **~ться на пароходе** дар пароход сайр кардан // *разг.* сайр кардан, саёҳат (тамошо) кардан, ҳавохӯрӣ рафтан; **~ться на юг** ба ҷануб саёҳат кардан, саёҳати ҷануб кардан

прокатка *ж тех.* прокатонидан(и), тунукасозӣ, варақа кардани **металл**; **~ листового железа** тунукасозӣ

прокатн||ый I, -ая, -ое *тех.* ...и прокат, ...и прокат кардан(и), ...и варақа кардан(и); **~ый стан** дастгоҳи металлварақакунӣ; **~ое производство** истеҳсоли прокат

прокатн||ый II, -ая, -ое 1. ...и киро, ...и кироя, ба киро (ба кироя) додашаванда; **~ый рояль** рояли кироя 2. ...и киро, ...и кироя, ба киро (ба кироя) диҳанда; **~ая контора** идораи киро

прокатчик *м* прокатчӣ

прокатывание *с (по знач. гл.* **прокатать** 2) прокатонидан(и), варақа кардан(и)

прокатывать I *несов. см.* **прокатать** 1, 2

прокатывать II *несов. см.* **прокатить**

прокатываться I *несов.* 1. *см.* **прокататься** 1; 2. *страд.* варақа (прокат) карда шудан

прокатываться II *несов. см.* **прокатиться** 1

прокачать *сов.* 1. *что* муддате кашидан, муддате об кашидан (кашида баровардан); **целый день** ~ **воду** рузи дароз об кашидан 2. *кого-что* муддате ҷунбондан (алвонҷ додан); ~ **ребёнка всю ночь** тамоми шаб бачаро алвонҷ додан

прокачаться *сов.* муддате ҷунбидан (алвонҷ хурдан)

прокашивать *несов. см.* **прокосить** 1

прокашиваться *несов. страд.* даравида шудан

прокашливать *несов. см.* **прокашлять** 1, 2

прокашливаться *несов. см.* **прокашляться**

прокашлянуть *сов. то же, что* **прокашлять** 1, 2

прокашлять *сов.* 1. *разг.* сулфа кардан, сулфидан 2. *что разг.* сулфа карда (сулфида) гулуро тоза кардан, гулу афшондан 3. муддате сулфа кардан (сулфидан)

прокашляться *сов.* сулфа карда (сулфида) гулуро тоза кардан, гулу афшондан

прквасить *сов. что* туршонидан, намак кардан, ба сирко (ба намак) хобондан; ~ **капусту** карамро намак кардан

прквраситься *сов.* туршидан, турш шудан, намакин шудан, ба сирко (ба намак) хобидан

прквашивать *несов. см.* **проквасить**

прквашиваться *несов.* 1. *см.* **проквраситься**; 2. *страд.* туршонида шудан

прокидать *сов. что* муддате партофтан (афкандан, ҳаво додан)

прокидывать *несов. см.* **прокинуть**

прокинуть *сов. разг.* 1. *что* аз байни (аз даруни) *чизе* андохта гузарондан, аз байни (аз даруни) *чизе* андохтан (ҳаво додан) 2. *что и без доп.* (*промахнуться*) хато (саҳв) партофтан, ба нишон (ба ҳадаф) нарасондан, бехуда ҳаво додан

прокипать *несов. см.* **прокипеть** 1

прокипе||ть *сов.* 1. ҷушида пухтан; **суп** ~**л** шурбо нағз ҷушида пухт 2. муддате ҷушида пухтан

прокипятить *сов.* 1. *что* нағз ҷушондан; ~ **молоко** ширро нағз ҷушондан 2. *что и без доп.* муддате ҷушондан

прокисание *с* (*по знач. гл.* **прокиснуть**) туршидан(и), турш шудан(и)

прокисать *несов. см.* **прокиснуть**

прокислый, -ая, -ое *разг.* туршида, туршшуда; бурида // (*о запахе*) турш

прокиснуть *сов.* туршидан, турш шудан; буридан

прокладка *ж* 1. (*по знач. гл.* **проложить**) сохтан(и), кушодан(и), кашидан(и); ~ **труб** кубуркашӣ; ~ **железной дороги** сохтани роҳи оҳан 2. қабат, лой, тах; **резиновая** ~ қабати резинӣ 3. *мор.* хатти роҳи киштӣ

прокладн||ой, -ая, -ое барилова, баризофа, зиёдатӣ, иловагӣ; ~**ые листы в книге** варақҳои иловагии китоб

прокладывание *с см.* **прокладка** 1

прокладывать *несов. см.* **проложить**

прокладываться *несов. страд.* сохта шудан

прокламационный, -ая, -ое ...и баёния, ...и эълломия

прокламация *ж* 1. баёния, эълломия (*варақаи ташвиқотии мазмунаш сиёсӣ*) 2. *уст.* изҳороти расмии ошкоро

прокламировать *сов., несов. что книжн.* эълон (эълом) кардан

проклева||ть *сов.* 1. *что* нул (минқор) зада сӯрох кардан; **птенец** ~**л яичную скорлупу** чуҷа пусти тухмро нӯл зада сурох кард 2. *что и без доп.* муддате нул задан

проклёвывать *несов. см.* **проклевать**

проклёвываться *несов.* 1. *см.* **проклюнуться**; 2. *страд.* нул зада сурох карда шудан

проклеивание *с* (*по знач. гл.* **проклеить**) ширеш (елим) кардан(и), часпондан(и)

проклеивать *несов. см.* **проклеить** 1

проклеиваться *несов. страд.* ширеш карда шудан, часпонда шудан

проклеить *сов.* 1. *что* ширеш (елим) кардан, часпондан 2. *что и без доп.* муддате бо елим часпондан

проклейка *ж* 1. (*по знач. гл.* **проклеить** 1) ширеш (елим) кардан(и), часпондан(и) 2. ширеш, елим 3. чизи (чои) ширеш кардашуда (часпондашуда)

проклейщик *м* ширешкунанда, елимкунанда, часпонанда, коргари ширешкунанда

проклейщица *женск. к* **проклейщик**

проклинать *несов. см.* **проклясть**

проклинаться *несов. страд.* лаънат (нафрин) карда шудан

проклюнуть *сов.* 1. *разг. см.* **проклевать** 1; 2. *прост. см.* **проклюнуться** 2

проклюнуться *сов. разг.* 1. нул зада (сурох карда) аз тухм баромадан 2. *перен.* неш зада баромадан, сабзида баромадан

проклясть *сов. кого-что* 1. лаънат (нафрин) кардан, лаънат хондан. дуои бад кардан, оқ кардан 2. ҳақорат (дашном) додан ◇ **будь ты** (**он** *и т. п.*) [**трижды**] **проклят!** *прост.* лаънат бар ту (бар вай *ва ғ.*)!, садақаи одам шав(ӣ)!, малъун!

прокляти||е *с* 1. лаънат, нафрин, дуои бад; **предать** ~**ю** лаънат кардан 2. ҳақорат, дашном; **осыпать** ~**ями** лаънатборон кардан, ҳақорати бисьёр кардан 3. *в знач. межд.* сабил!, сабилмонда!, зормонда!; ~**е, опять опоздал!** сабил, боз дер кардам (мондам)!

проклятущий, -ая, -ее *прост. см.* **проклятый**

проклятый, -ая, -ое лаънатӣ, оқшуда, манҳус, малъун, падарлаънат // *бран. разг.* сабилмонда, зормонда

проковать *сов.* 1. *что тех.* куфтан, нағз куфтан, куфта сохтан, оҳанкубӣ кардан; ~ **железо** оҳанро куфтан (куфта сохтан) 2. *что и без доп.* муддате куфтан, чанде оҳанкубӣ кардан

проковка *ж* (*по знач. гл.* **проковать** 1) куфтан(и), кубидасозӣ, оҳанкубӣ кардан(и)

проковывать *несов. см.* **проковать** 1

проковылять *сов. разг.* калавидан, калавида-калавида рафтан (гаштан), лангон-лангон роҳ рафтан

проковыривать *несов. см.* **проковырять** 1

проковырнуть *сов. разг. см.* **проковырять** 1

проковырять *сов.* 1. *что* канда (кофта) сурох кардан; ~ **дырку в стене** деворро кофта-кофта сурох кардан 2. *что и без доп.* муддате кандан (кофтан)

проковыряться *сов. прост.* кашолакорӣ кардан, тул додан, таъхир кардан (додан)

прокол *м* 1. (*по знач. гл.* **проколоть** 1) халонда сурох (шикоф) кардан(и) 2. сӯрох, шикоф, рахна

проколачивать *несов. см.* **проколотить** 1

проколесить *сов. разг.* муддате давр (чарх) зада гаштан; ~ **всю ночь по городу** тамоми шаб дар шаҳр давр зада гаштан

проколотить *сов.* 1. *что разг.* зада сурох (шикоф) кардан 2. *что и без доп.* муддате куфтан

проколоть I *сов.* 1. *что* халондан, халонда сӯрох (шикоф) кардан; ~ **нарыв** думмалро кафондан 2. *кого-что* халондан, халонда захмдор (ярадор, маҷруҳ) кардан; ~ **шпагой** шамшер зада маҷруҳ кардан

проколоть II *сов. что и без доп.* муддате кафондан (шикастан), чанде майда кардан; **весь день** ~ **дрова** рузи дароз хезум кафондан

проколо||ться *сов. разг.* сурох (шикоф) шудан, рахна (тарқиш) шудан; **шина** ~**лась** шина шикоф шуд

проколупать *сов. что прост.* канда (кофта) сурох кардан

проколупывать *несов. см.* **проколупать**

прокомандовать *сов.* муддате фармонравоӣ (фармонфармоӣ, ҳукмронӣ) кардан

прокомментировать *сов. кого-что* шарҳ додан, тафсир кардан, эзоҳ додан

прокомпостировать *сов. что* компостер задан, нишона гузоштан, шикофтан

проконопатить *сов. что* тиққонда маҳкам кардан; ~ **дно лодки** сурохҳои тағи завракро маҳкам кардан

проконопатиться *сов.* маҳкам шудан, тиққидан (*оид ба сӯрохҳои чизе*)

проконопачивать *несов. см.* **проконопатить**

проконопачиваться *несов.* 1. *см.* **проконопатиться**; 2. *страд.* маҳкам карда шудан

проконспектировать *сов. кого-что* конспект тартиб додан (кардан), мазмуни чизеро мухтасар навишта гирифтан; ~ **статью** мазмуни мақоларо конспект кардан

проко́нсул *м ист.* проконсул (*ҳокими музофот дар Рими Қадим*)

проконсульти́ровать *сов. кого* машварат (маслиҳат) додан, ёрӣ расондан, фаҳмондан

проконсульти́роваться *сов. с кем* машварат (маслиҳат) гирифтан

проконтроли́ровать *сов. кого-что* тафтиш (таҳқиқ, назорат) кардан

прокоп *м* 1. (*по знач. гл.* **прокопать** 1, 2) кофтан(и), кандан(и) 2. хандак, ҷои кандашуда

прокопа́ть *сов. что* 1. кофтан, кандан; ~ **подзе́мный ход** роҳи зеризаминӣ кандан 2. кофта (канда) кушодан, канда (кофта) гузаштан; ~ **гору** кӯҳро канда кушодан, кӯҳро кофта гузаштан 3. *тж. без доп.* муддате кофтан (кандан), ҳафр кардан

прокопа́||ться *сов.* 1. *разг.* кофтан, кофта даромадан, кофта то (ба) ҷое расидан; ~**ться до воды** кофта ба каъри об расидан 2. *прост.* муддате майдакорӣ (сустӣ) кардан, тул (кашол) додан, кашолакорӣ кардан; **он ~лся це́лый час и опозда́л на по́езд** у як соат кашолакорӣ карда аз поезд монд

проко́пка *ж см.* **проко́п** I

прокопте́лый, -ая, -ое *разг.* дудзеркарда, дудшишта, дудхурда, дудзада; ~ **потоло́к** шифти дудзеркарда

прокопте́ть I *сов. разг.* муддате дуд зада сухтан

прокопте́ть II *сов.* 1. *прост. см.* **прокопти́ться** 2; 2. *прост.* дар ҷое доимо будан (истиқомат кардан), дар як ҷо мондан (муқим шудан), аз ҷо наҷунбидан 3. *уст. см.* **прокорпе́ть**

прокопти́ть *сов.* 1. *что* дуд занондан, дуд пахш (зер) кунондан, пурдуд кардан, дудолуд кардан; ~ **ко́мнату** хонаро дуд пахш кунондан 2. *что* дуд додан, дуд хӯрондан, дуд дода хушк кардан (тайёр кардан); ~ **о́корок** рони хукро дуд додан 3. (*испускать копоть*) муддате дуд зада сухтан 4. *что и без доп.* муддате дуд хӯрондан, муддате дуд дода тайёр кардан

прокопти́ться *сов.* 1. (*о пище*) дуд хӯрдан, дуд хӯрда тайёр шудан 2. (*покрыться копотью*) аз дуд сиёҳ шудан, пурдуд шудан, дудолуд шудан

прокорм *м* (*по знач. гл.* **прокорми́ть** 1) *разг.* хӯрок (ғизо) додан(и), хӯрондан(и), хӯрониш; (*по знач. гл.* **прокорми́ться**) хӯрду хӯрок

прокорми́ть *сов. кого-что* 1. хӯрок (ғизо) додан, хӯрондан; бо хӯрок (бо хӯрду хӯрок) таъмин кардан; ~ **семью** онларо бо хӯрду хӯрок таъмин кардан 2. муддате хӯрондан

прокорми́ться *сов. разг.* ризқу рӯзи ёфтан, таъмини маишат кардан, хӯрду хӯрок ёфтан

прокормле́ние *с см.* **проко́рм**

прокорпе́ть *сов. разг.* муддате зӯр задан, ҷон коҳондан, бисьёр кӯшидан; ~ **це́лый день над учебниками** рӯзи дароз зӯр зада китобҳои дарсиро мутолиа кардан

прокорректи́ровать *сов. что* рост (дуруст) кардан, ислоҳ (тасҳеҳ) кардан (даровардан); ~ **ого́нь батареи** мили тупҳоро ба ҳадаф рост кардан

проко́с *м* дарав

прокоси́ть *сов.* 1. *что* даравидан, дравида гузаштан, дарав карда роҳ кушодан; ~ **доро́жку в траве** алафзорро даравида пайраҳа кушодан; ~ **бурья́н** алафи ҳарзаро даравида партофтан 2. *что и без доп.* муддате даравидан (дарав кардан); ~ **це́лый день** рӯзи дароз даравидан, тамоми рӯз дарав кардан

прокра́дываться I, II *несов. см.* **прокра́сться** I, II

прокра́сить *сов.* 1. *что* ранг молидан (задан), ранг (рангу равған) додан; ~ **крышу** бомро ранг кардан 2. *что и без доп.* муддате ранг молидан (задан)

прокра́си||ться *сов.* ранг гирифтан, ранг шудан; **ткань хорошо́** ~**лась** матоъ нағз ранг гирифт

прокра́ска *ж* (*по знач. гл.* **прокра́сить** 1) ранг молидан(и), ранг додан(и); (*по знач. гл.* **прокраситься**) ранг гирифтан(и), ранг шудан(и)

прокра́||сться I *сов.* 1. пинҳонӣ (дуздӣ) даромадан, дуздвор дохил шудан, номаълум (махфӣ) гузаштан; **ребя́та** ~**лись в сад** бачаҳо пинҳонӣ ба боғ даромаданд 2. *перен.* пайдо шудан, ба вуҷуд омадан, ба фикр (ба хаёл) омадан; **в его́ ду́шу** ~**лось сомне́ние** дар дилаш шакку шубҳа пайдо шуд

прокра́сться II *сов. разг.* дуздӣ карда ба даст афтидан

прокрахма́ливать *несов. см.* **прокрахма́лить**

прокрахма́ливаться *несов.* 1. *см.* **прокрахма́литься**; 2. *страд.* охор дода шудан

прокрахма́лить *сов. что* охор додан, охорӣ кардан, нағз охор додан

прокрахма́литься *сов.* охорӣ (охордор) шудан, хуб охорӣ шудан

прокра́шивание *с см.* **прокраска**

прокра́шиваться *несов.* 1. *см.* **прокраситься**; 2. *страд.* ранг молида шудан

прокрича́||ть *сов.* 1. фарьёд кардан, бонг задан, дод задан, овоз баровардан; **где́-то** ~**л пету́х** дар ким-куҷо хурус ҷеғ зад // *что и без доп.* нидо (фарьёд) кардан, садо кардан, хитоб кардан 2. *перен.* овоза (маълум) кардан, ба ҳама гуфтан (шунавондан) 3. *что и без доп.* муддате фарьёд кардан, чанде дод задан ◇ ~**ть** [**все**] **у́ши кому́-л.** гуши касеро кар кардан, ба ҷони касе расондан

прокрои́ть *сов. что и без доп.* муддате буридан (*либосро*)

прокружи́||ть *сов.* 1. гирд гаштан чарх (давр) задан; **над ле́сом** ~**л самолёт** самолёт дар болои (дар фарози) ҷангал давр зад 2. муддате чарх (давр) задан

прокружи́ться *сов.* муддате гирд-гирд гаштан, муддате чарх (давр) задан, чанде гирдогирди (бар гирди) чизе гаштан

прокру́стов, -а, -о: ~**о ло́же** кати Прокруст (*киноя аз Прокруст ном роҳзани афсонавии Юнони Қадим, ки дар сари роҳ истода роҳгузаронро медошту ба кати худ мехобонд ва агар қади кас дар кат дарози кунад пойҳоро буррида мепартофт ва агар кӯтоҳ бошад кашида мебаровард; маҷозан ба маънои меъёре, ки ба чорчӯбаи он чизе зӯран ҷой дода мешавад*)

прокрыва́ть *несов. см.* **прокры́ть**

прокры́ть *сов. что* пешакӣ ранг молидан (задан)

прокряхте́ть *сов.* 1. оҳу воҳ (ҳаш-ҳуш) кардан, ух-ух гуфтан 2. муддате оҳу воҳ (ҳаш-ҳуш) кардан, чанде ух-ух гуфтан

прокти́т *м мед.* проктит (*варами пардаи луҳоби рӯдаи дароз*)

прокурату́ра *ж* 1. прокуратура (*органи давлатӣ барои назорати риояи қонунҳо*) 2. *собир.* прокурорҳо

прокуривать *несов. см.* **прокури́ть** 1, 2

проку́риваться *несов.* 1. *см.* **прокури́ться** I; 2. *страд.* дудолуд карда шудан

прокури́ть *сов. что* 1. *разг.* аз дуд пур кардан, дуд зер (пахш) кунондан, дуд гирондан, дудолуд (пурдуд) кардан; ~ **всю кварти́ру** тамоми хонаро дуд зер кунондан 2. *разг.* (*истратить на курение*) пулро ба тамоку сарф кардан, харҷи тамоку кардан 3. *тж. без доп.* муддате тамоку кашидан

прокури́ться I *сов. разг.* ба дуди тамоку олуда шудан, дуди тамоку зер (пахш) кардан

прокури́ться II *сов.* муддате дуд карда сухтан

прокуро́р *м* 1. прокурор (*шахсе, ки ба дуруст иҷро шудани қонунҳо аз ҷониби давлат назорат мекунад*); **са́нкция** ~**а** иҷозати прокурор 2. айбдоркунанда, муддаӣ

прокуро́рск||ий, -ая, -ое ...и прокурор, прокурорӣ; ...и муддаӣ; ~**ие обя́занности** вазифаҳои прокурор; **в поря́дке** ~**ого надзо́ра** ба тариқи назорати прокурорӣ

прокуро́рство *с разг.* прокурорӣ

проку́с *м* яра, захм, ҷароҳат (*дар натиҷаи газида шудан*)

прокуса́ть *сов. что разг.* бисьёр газидан, аз бисьёр ҷойҳо газидан

прокуси́ть *сов. что* газидан, газида сӯроx кардан, газида маҷрӯҳ кардан, захми дандон кардан

проку́сывать *несов. см.* **прокуси́ть** *и* **прокуса́ть**

прокути́ть *сов.* 1. *что* ба айшу ишрат сарф кардан, айёшӣ карда исроф кардан (бар бод додан, несту нобуд кардан); ~ **все де́ньги** ҳамаи пули худро ба айшу ишрат исроф кардан (равондан) 2. муддате айшу ишрат кардан, як муддат машғули айёшӣ шудан

прокути́ться *сов. разг.* тамоми буду шуди худро ба айшу ишрат исроф кардан

проку́чивать *несов. см.* **прокути́ть** 1

проку́чиваться *несов. страд.* ба айшу ишрат исроф карда шудан

пролага́ть *несов. см.* **проложи́ть** 2

прола́з *м разг.* гузаргоҳи танг, роҳи танг

пролаза *м, ж прост. неодобр.* корчаллон, корбудкун, айёр, каллоб

пролазать *сов. см.* **пролáзить**

пролáзить *сов.* муддате часпида (печида) баромадан, муддате хазида даромадан

проламывать *несов. см.* **проломáть** I *и* **проломи́ть**

проламываться *несов.* 1. *см.* **проломи́ться**; 2. *страд.* шикаста шудан

пролая||ть *сов.* 1. аккос задан, ак-ак (ав-ав) кардан 2. муддате аккос задан; **собáка ~ла до утрá** саг то субҳ аккос зада баромад

пролега||ть *несов.* дароз кашидан, гузаштан; **дорóга ~ла в горáх** роҳ аз кӯҳсор мегузашт

пролежá||ть *сов.* 1. муддате дароз кашидан, чанде хоб кардан (хобидан хоб рафтан), муддате беҳаракат мондан; **~ть в постéли до двенáдцати часóв** то соати дувоздаҳ дар ҷойгаҳ дароз кашида хобидан // *(о больном)* муддате хобидан (хоб кардан), чанде бистарӣ шудан; **он ~л полгóда в больни́це** вай ним сол дар беморхона хобид 2. муддате хоб кардан (хобидан), як муддат мондан; **письмó недéлю ~ло на пóчте** мактуб як ҳафта дар почта хобид 3. *что разг.* аз нобоб хоб рафтан шах шуда мондан, хоб равондан, шах шудан, раг кашидан; **я ~л бок** аз хоби нобоб паҳлуям шах шуд 4. *(продавить)* маҷақ (пачақ, миҷиқ) кардан, пахш (зер) кардан

пролежень *м* захм, ҷароҳат, доғ *(дар бадани бемор аз бисьёр хобидан пайдо мешавад)*

пролёживать *несов. см.* **пролежáть** 3

пролезать *несов. см.* **пролéзть**

пролезть *сов.* 1. хазида даромадан, хазида гузаштан; тиққида даромадан; **~ через щель** аз сӯрох даромадан // *разг. (с трудом пробраться)* зӯр зада даромадан, зӯр зада гузаштан 2. *перен. разг.* корчаллонӣ (ҳила, найранг) карда ба ҷое даромадан (сар даровардан, сар халондан)

пролепетáть *сов. что и без доп.* бо забони нобурро гуфтан, ғулдур-ғулдур (дармонда-дармонда) гап задан

пролёт I *м* 1. *(по знач. гл.* **пролететь** 1) париш, парвоз, парида гузаштан(и); **~ самолёта** парида гузаштани самолёт 2. *(пора перелёта птиц)* давраи кӯчиши паррандагон

пролёт II *м* 1. фосила, миён, масоҳа, мобайн // *(моста)* равоқ; **мост с шестью ~ами** пули шашравоқа // *(лестницы)* кодоки зинапоя 2. *разг. (перегон)* як қитъаи роҳ *(дар роҳи оҳан)*

пролетариáт *м* пролетариат; **диктатýра ~а** диктатураи пролетариат

пролетаризáция *ж* пролетаршавӣ *(дар шароити капитализм хонавайрон ва қашшоқ шудани истеҳсолкунандагони майда мисли деҳқонон, косибон ва ғ.)*

пролетаризировать *сов., несов. кого-что* пролетаронидан, пролетар кардан

пролетаризи́роваться 1. *сов., несов.* пролетар шудан 2. *несов. страд.* пролетар карда шудан

пролетáри||й *м* 1. пролетар; **~и всех стран, соединя́йтесь!** пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед! 2. *ист.* пролетар *(раияти Рими Қадим, ки ба табақаи нодорону бебизоатон таалуқ дошт)*

пролетарка *женск. к* **пролетáрий** I

пролетáрск||ий, -ая, -ое пролетарӣ, ...и пролетар; **~ая революция** революцияи пролетарӣ; **~ая солидарность** ҳамраъйии пролетарӣ

пролетать I *несов. см.* **пролетéть**

пролетать II *сов.* муддате паридан (парвоз кардан), чанде дар парвоз будан

пролетé||ть *сов.* 1. *что и без доп.* паридан, парвоз кардан, парида (парвоз карда) гузаштан, парида тай кардан; **самолёт ~л над гóродом** самолёт аз болои шаҳр парида гузашт; **самолёт ~л ты́сячу киломéтров** самолёт ҳазор километр тай кард 2. *что и без доп. разг.* давида гузаштан, босуръат гузаштан, тез гузашта рафтан; **пóезд ~л ми́мо станции** поезд аз пеши истгоҳ босуръат гузашта рафт 3. *перен.* ба хотир гузаштан, ба фикр (ба хаёл) омадан, аз (ба) дил гузаштан 4. *перен. (о времени)* тез (зуд) гузаштан, гузашта рафтан; **лéто ~ло** тобистон зуд гузашта рафт ◊ **слышно, как мýха пролети́т** хомушии том, оромии том, пашша пар намезанад

пролётка *ж* фойтуни чорчархаи дукаса

пролётный I, -ая, -ое 1. *(о птицах)* кӯчанда, сайёр; ...и баҳорбиёю тирамоҳрав 2. *уст. поэт.* даргузар, гузаранда, зудгузар, нопойдор, бебако

пролётный II, -ая, -ое равоқдор, пештоқдор; **~ мост** пули равоқдор

пролéчивать *несов. см.* **пролечи́ть** 2

пролечи́ть *сов.* 1. *кого-что* муддате муолиҷа (табобат, даво) кардан, чанде шифо додан; **~ больнóго два мéсяца** беморро ду моҳ табобат кардан 2. *что (истратить на лечение)* ба табобат сарф кардан, сарфи муолиҷа кардан

пролечиться *сов.* муддате худро муолиҷа (табобат, даво) кунондан, чанде худро шифо додан

пролéчь *сов. см.* **пролегáть**

проли́в *м* гулугоҳ

проливáть *несов. см.* **проли́ть** I

проливáться *несов.* 1. *см.* **проли́ться** I; 2. *страд.* рехта шудан

проливнóй, -áя, -óе: **~ дождь** борони сел, борони сахт, сел

проли́тие *с (по знач. гл.* **проли́ть** I) *книжн.* резиш, резондан(и), рехтан(и)

проли́ть *сов.* 1. *что* резондан, рехтан, пош додан; **~ молокó** ширро резондан 2. *разг. (о дожде)* боридан, омадан, задан; **пролил дождь** борон борид ◊ **~ бальзам** *на что уст.* хотирҷамъ (дилҷамъ) кардан, дилдорӣ (дилбардорӣ) кардан; **~ чью-л. кровь** хуни касеро резондан (рехтан); **~ за когó-чтó-л. [свою] кровь** хуни худро барои касе, коре рехтан, хуни худро дареғ надоштан; **~ свет** *на что* равшан кардан, фаҳмондан, маълум (ошкор, аён) кардан; **~ слезý** *шутл.* ашк рехтан; **ни слези́нки не ~** сангдил шуда мондан; **~ слёзы** гиристан, гирья кардан

проли́ться *сов.* 1. рехтан, пош хӯрдан, рехта шудан 2. *разг. (о дожде)* боридан, омадан, задан

прологг *м* дебоча, муқаддима, мадхал // *перен.* оғоз, саршавӣ, ибтидо

проложи́ть *сов. что* 1. сохтан, кушодан, кашидан; **~ дорогу в горáх** дар кӯҳсор роҳ сохтан (кушодан), дар кӯҳистон роҳ баровардан 2. андохтан, фарш кардан, густурдан, паҳн кардан 3. мондан, гузоштан *(чизеро дар байни атрофи ягон чиз)*; **~ стекля́нную посýду бумáгой** дар байни зарфи шишагӣ коғаз мондан ◊ **~ дорогу (путь)** *кому-чему* роҳ кушодан (додан); **~ курс корабля́** руи харита роҳи киштиро муайян кардан; **~ себé дорóгу (путь)** ба худ роҳ кушодан, комьёб (соҳиб) шудан, муваффақ шудан; **грýдью ~ себé дорóгу** бо заҳмат ба худ роҳ кушодан, бо машаққат роҳ ёфтан

пролóм *м* 1. *(по знач. гл.* **проломáть** *и* **проломи́ть**) шикастан(и), зада сӯрох (шикоф) кардан(и) 2. сӯрох, шикоф, рахна

проломáть *сов.* 1. *что* шикастан, зада шикастан, зада сӯрох (шикоф, рахна) кардан; **~ стéну** деворро зада сӯрох кардан 2. *что и без доп.* муддате шикастан, муддате сӯрох (шикоф, рахна) кардан

проломáться *сов. прост. см.* **проломи́ться**

проломи́ть *сов. что* шикастан, зада пачақ (маҷақ) кардан, шикаста сӯрох (шикоф) кардан, кафондан; **~ лёд** яхро шикастан; **~ кры́шу** бомро сӯрох кардан

проломи́||ться *сов.* шикаста фуру рафтан, шикастан; **мост ~лся** пул фурӯ рафт (шикаст)

пролонгáция *ж (по знач. гл.* **пролонги́ровать**) тамдид, дароз кардани муҳлат (муддат), давом додани мӯҳлати эътибор; **~ дóговóра** тамдиди аҳднома, дароз кардани мӯҳлати эътибори шартнома

пролонги́ровать *сов., несов. что* тамдид кардан, муҳлати (муддати) эътибори чизеро дароз кардан; **~ дóговóр** шартномаро тамдид кардан

проли́сина *ж разг.* 1. ҷои тосшудаи сар, ҷои бемуй, ҷои муйрехта; ҷои пашмрехта 2. ҷои берастанӣ *(дар саҳро, чаман ва ғ.)* 3. *(на лбу животного)* қашқа, пешонақашқа

пром: *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои зеринро ифода мекунад:* 1) *«саноатӣ»* — **промтовáры** молҳои саноатӣ 2) *«ҳунармандӣ»* — **промкооперáция** матлуботи ҳунармандӣ

промáзать *сов.* 1. *что* молидан, андудан, задан; **~ все чáсти маши́ны мáслом** ҳамаи қисмҳои мошинро равған молидан 2. *что* андова кардан, андудан, ловидан, тиққондан; **~ щéли замазкой** ба таркишҳо хамирмоя ло-

видан 3. *прост.* хато задан, ба ҳадаф назадан (нарасондан); он выстрелил и промазал тир парронду хок хурд

прома́зка *ж (по знач. гл.* **прома́зать** 1, 2) молидан(и); андова кардан(и), ловидан(и)

прома́зывание *с см.* **промазка**

промазывать *несов. см.* **промазать** 1, 2

прома́зываться *несов. страд.* ловида шудан

промалывать *несов. см.* **промоло́ть** 1

промалываться *несов. страд.* орд карда шудан

проманé жи||ть *сов. кого* 1. *спец.* машқ (варзиш) кунондан; ~**ть лошадéй** аспҳоро машқ кунондан 2. *прост.* нигарон (маътал, мунтазир) кардан, овора карда азоб додан; **нас ~ли цéлый день** моро рузи дароз маътал карда азоб доданд

проманéжиться *сов. прост.* нигарон (маътал) шудан, интизорӣ кашидан, мунтазир шуда азоб кашидан

промаринова́||ть *сов.* 1. *что* дар сирко парвардан (хобондан), ба туршӣ андохтан (гузоштан); **она́ ~ла все грибы́** у ҳамаи занбуруғҳоро ба сирко хобонд 2. *что перен. разг.* хобонда мондан, ба таъхир андохтан, кашолакорӣ кардан; ~**ть дéло** корро хобонда мондан // *кого перен. разг.* нигарон (маътал, мунтазир) кардан, овора (саргардон) карда азоб додан

промариноваться *сов.* дар сирко хобонда шудан

промарширова́ть *сов.* 1. марш кардан, маршкунон рафтан (гузаштан); ~ **по го́роду** дар шаҳр марш кардан 2. муддате марш кардан, чанде маршкунон рафтан (гузаштан)

прома́сленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* равған задашуда, равған молидашуда 2. *прил.* равғанандуд, обногузар; ~**ая бума́га** коғази обногузар // равғанолуд, равғанрехта, равғанчакида; ~**ая оде́жда** либоси равғанолуд

прома́сливать *несов. см.* **прома́слить**

промасливаться *несов.* 1. *см.* **прома́слиться;** 2. *страд.* равған зада шудан

прома́слить *сов. что* равған хурондан (задан), равған молидан (додан), равғанолуд кардан, равғанандуд кардан; ~ **ко́жу** пустро равғанолуд кардан (равған додан)

прома́слиться *сов.* равған хурдан, равған молида (зада) шудан, равғанолуд шудан, равғанандуд шудан

проматывать *несов. см.* **промота́ть** II

проматываться *несов.* 1. *см.* **промота́ться** II; 2. *страд.* бар бод дода шудан

про́мах *м* 1. хато *(дар тирандозӣ)*; **стрелять без ~а** бехато тир паррондан (андохтан), бехато тирандозӣ кардан 2. *перен.* хато, саҳв, кутоҳӣ; **сдéлать ~** саҳв кардан ◇ **дать ~** хато (саҳв) кардан, кутоҳӣ кардан; **ма́лый не ~** *прост.* бачаи зирак (чолок, чобук)

промаха́ть *сов.* 1. *чем* муддате афшондан (ҷунбондан); ~ **платко́м нéсколько мину́т** якчанд дақиқа руймол афшондан 2. *что прост.* гузаштан, тай кардан, роҳ паймудан; ~ **два́дцать киломе́тров** бист километр роҳ тай кардан

прома́хиваться *несов. см.* **промахну́ться**

промахну́ть *сов. что и без. доп. прост.* тез (босуръат) гузашта рафтан, парида рафтан, зуд гузаштан

промахну́||ться *сов.* 1. хато кардан, ба ҳадаф назадан (нарасондан), ба ҳадар (барабас) рафтан; **он ~лся** тираш хок хӯрд, тираш ба ҳадаф нарасид 2. *перен. разг.* саҳв (иштибоҳ) кардан, хато (кутоҳӣ) кардан

прома́чивать *несов. см.* **промочи́ть**

прома́чиваться *несов. страд.* тар карда шудан

прома́шк||а *ж прост. см.* **промах** 2; **сдéлать (соверши́ть, допусти́ть) ~у** *в чём* саҳв (хато) кардан

промая́ть *сов. кого прост.* муддате овораю саргардон (сарсон) кардан, чанде азоб додан

промая́ться *сов. прост.* муддате овораю саргардон (сарсон) шудан, чанде азоб кашидан

промая́чить *сов. прост.* бо азобу укубат умр ба сар бурдан

промая́читься *сов. см.* **промая́чить**

промба́нк *м* (промышленный банк) банки саноатӣ

промедлéни||е *с (по знач. гл.* **промéдлить)** дер мондан(и), таъхир кардан(и), даранг кардан(и), кашол додан(и), ба таъхир андохтан(и); **без ~я** бетаъхир, бедаранг

промéдлить *сов.* дер мондан, таъхир кардан, даранг кардан, кашол додан, ба таъхир андохтан

проме́ж *предлог уст. и прост. см.* **ме́жду;** ~ **собо́й** байни худ

проме́жду *предлог уст. и прост. см.* **ме́жду;** ~ **себя́** байни худ

проме́жность *ж анат.* чатан *(байни олати таносул ва макъад)*

промежу́т||ок *м* 1. фосила, миён, масоҳа, мобайн; ~**ок ме́жду о́кнами** масоҳаи байни тирезаҳо 2. фосила, танаффус, муддат, вақт; **в ~ке ме́жду встре́чами** дар фосилаи байни мулоқот

промежу́точн||ый, -ая, -ое 1. мобайни, дар мобайн буда, васатӣ, мутавассит; ~**ое расстоя́ние** масофаи мобайнӣ, масоҳаи васатӣ 2. мобайнӣ, андармиён; ~**ая ста́дия** давраи мобайнӣ; ~**ая ста́нция** истгоҳи мобайнӣ; ~**ый слой** қабати мобайнӣ // *биол.* гуногунчинс, гуногунзот; ~**ые ви́ды** зотҳои гуногун; ~**ые фо́рмы** шаклҳои гуногунчинс

промелькну́||ть *сов.* 1. намоён шуда гузаштан, ба назар намуда гузаштан, банохост намудор шуда ғайб задан; ~**ть пе́ред глаза́ми** дар пеши назар намоён шуда гузаштан 2. *перен. (о мыслях)* ба хотир гузаштан, аз дил гузаштан; **у меня́ ~ла мысль ...** аз дилам гузашт... 3. *перен. (о времени)* зуд (тез) гузашта рафтан; ~**ло ле́то** тобистон зуд гузашт 4. *перен.* андак ошкор шудан, каме зоҳир шудан, андак фаҳмида (ҳис) шудан; **в его́ слова́х ~ла иро́ния** суханони ӯ андак истеҳзоомез буданд

промена́д *м уст. разг.* 1. *(прогулка)* сайр, сайру гашт 2. *(место для гулянья)* сайргоҳ, ҷои сайру гашт

проме́нивать *несов. см.* **променя́ть**

променять *сов. кого-что* 1. иваз (бадал, табдил, мубодила, муоваза) кардан, тарҷеҳ додан 2. *на кого-что (предпочесть)* беҳтар (авлотар, бартар) донистан, афзал донистан (шумурдан) ◇ ~ **куку́шку на я́стреба** *погов.* сузанро гирифта болорро бой додан; фоида сари дастмояро хурд

проме́р *м* 1. *(по знач. гл.* **проме́рить** 1, 3) чен (андоза) кардан(и), паймоиш; ~ **глубины́ о́зера** чен кардани умқи кӯл 2. *(ошибка)* хато, саҳв, иштибоҳ; ~ **тка́ни на оди́н метр** як метр хато чен кардани матоъ

промерза́ние *с (по знач. гл.* **промёрзнуть** 1, 2) ях кардан(и), яхбандӣ; хунук хӯрдан(и)

промерзать *несов. см.* **промёрзиуть** 1, 2

промёрзл||ый, -ая, -ое яхкарда, яхбаста, сармозада, шахшуда; ~**ая земля́** замини яхбаста

промёрз||нуть *сов.* 1. ях кардан, ях бастан, сар то сар (тамоман) ях кардан; **земля ~ла** замин ях кардааст (бастааст); **пруд промёрз до са́мого дна** ҳавз то тагаш ях бастааст 2. *разг. (окоченеть)* хунук (сармо) хурдан, ях кардан, шах шудан 3. муддате хунук (сармо) хурдан

промеривать *несов. см.* **промеря́ть**

проме́рить *сов. что* 1. чен (андоза) кардан, паймудан; ~ **глубину́ о́зера** умқи кулро чен кардан 2. *тж. без доп.* муддате чен (андоза) кардан 3. *тж. без доп. (ошибиться)* дар чен хато кардан

проме́рный, -ая, -ое ченкунанда, андозакунанда

промеря́ть *несов. см.* **проме́рить** 1, 3

промеря́ться *несов. страд.* чен карда шудан

промеси́ть *сов.* 1. *что* хуб шӯридан, нағз мушт кардан, хуб мушт (лагад) зада омехтан, хуб сириштан; ~ **те́сто** хуб мушт зада хамир кардан; ~ **гли́ну** лойро хуб омехтан (лат задан) 2. *что и без доп.* муддате шуридан, чанде сириштан

промеси́||ться *сов.* хуб мушт хурда омехта шудан, сиришта шудан; **те́сто хорошо́ ~лось** хамир нағз сиришта шуд

промести *сов. что* руфтан, руфта партофтан, рубучин кардан

промета́ть I *сов. что и без доп.* муддате партофтан (андохтан, ҳаво додан), чанде ғарам (туб) кардан; ~ **весь день се́но в стога́** рузи дароз бедаро ғарам кардан

промета́ть II *сов. что* хомдузӣ кардан, кук кардан, бахия задан; ~ **шов** чоки либосро хомдӯзӣ кардан // духтан, кук кардан; ~ **пе́тли** сурохҳои тугмаро духтан

промета́ть III *несов. см.* **промести́**

промётывать *несов. см.* **прометать** II

промечтáть *сов.* муддате фикру хаёл кардан, чанде орзу кардан

промешáть *сов.* 1. *что* тамоман аралаш (кати, махлут) кардан, хуб омехтан, тагу ру кардан, ба ҳам задан 2. *что и без доп.* муддате аралаш кардан

промéшивать I *несов. см.* **промешать** I

промéшивать II *несов. см.* **промесить** I

промешиваться I *несов. страд.* омехта шудан

промéшиваться II *несов.* 1. *см.* **промесúться;** 2. *страд.* хуб шурида шудан

промéшкать *сов. разг.* ҳаял кардан, дер кардан, даранг кардан, сусткорӣ (кашолакорӣ) кардан

промигать *сов.* 1. муддате милт-милт (йилт-йилт) кардан 2. *прост. см.* **проморгáть** 2

проминáть *несов. см.* **промять** 1, 2

проминаться *несов. страд.* зер карда шудан

проми́нка *ж спорт. (о лошади)* роҳ гардонда хунук кардан(и), роҳ равонда ба машқ тайёр кардан(и) *(оид ба асп)*

промóзглость *ж* 1. бадбуӣ, фосидӣ, заҳнокӣ 2. серрутубатӣ, рутубатнокӣ, сернамӣ

промóзгл||ый, -ая, -ое 1. буйнок, бадбӯй, заҳкашида, пурзаҳ, фосид; **～ый вóздух** ҳавои буйнок 2. серрутубат, рутубатнок, сернам; **～ая погóда** обу ҳавои рутубатнок

промóина *ж* 1. обканд, чуқурии обканда, оббурда 2. ҷои яхнабастаи об

промокáние *с (по знач. гл.* **промóкнуть)** таршавӣ, намкашӣ

промокательн||ый, -ая, -ое: **～ая бумáга** [коғази] обчинак (обҷавак)

промока||ть I *несов.* 1. *см.* **промокнуть;** 2. нам кашидан, заҳ кашидан, нам (об) гузарондан, тари гузарондан; **резиновые сапогú не ～ют** музаи резинӣ нам намекашад, музаи резинӣ об намегузаронад

промокать II *несов. см.* **промокнýть**

промокáшка *ж разг.* [коғази] обчинак (обҷавак)

промóк||нуть *сов.* сар то сар (сар то по) тар шудан, шилтиқ шудан, нам кашидан, нам гузарондан; **ноги ～ли** пойҳо тар шудаанд; **платье ～ло** курта нам кашидааст ◊ **～нуть до нúтки** шип-шилтиқ шудан

промокнýть *сов. что* бо обчинак хушк кардан; **～ напúсанное** хати навишташударо бо обчинак хушк кардан

промолáчивать *несов. см.* **промолотить** I

промолачиваться *несов. страд.* куфта шудан

промолви||ть *сов. что и без доп. уст.* як даҳан гуфтан, гап (ҳарф) задан; **он не ～л ни слóва** у ҳарфе назад

промолотú||ть *сов.* 1. *что* куфтан, хирман куфтан 2. *что и без доп.* муддате куфтан, чанде машғули хирманкубӣ шудан; **за день онú ～ли всю пшенúцу** тамоми гандумро дар як руз куфтанд

промолоть *сов.* 1. *что* орд кашидан (кардан); **～ пшенúцу** гандумро орд кардан 2. *что и без доп.* муддате орд кашидан (кардан)

промолчá||ть *сов.* 1. хомуш истодан, хомуш (ором, сокит) мондан, сукут кардан, лаб (дам) фуру бастан; **～ть в ответ** дар ҷавоб гапе назадан 2. муддате хомуш будан, чанде ором мондан, чанде сукут кардан; **он ～л весь вéчер** у тамоми шаб хомуш буд

проморáживание *с (по знач. гл.* **проморóзить** 1) яхбандонӣ, ях кунондан(и)

проморáживать *несов. см.* **проморóзить** I

проморгать *сов. разг.* 1. муддате мижа задан, чанде чашм (чашмак) задан 2. *кого-что* аз даст додан, гафлат кардан, бехабар мондан; **～ удóбный слýчай** фурсати кулайро аз даст додан

проморить *сов. кого* 1. гурусна (гушна) мононидан, гурусна нигоҳ доштан; **～ гóлодом** гурусна нигоҳ доштан 2. *(заставить долго ждать)* маътал кардан, интизор кунондан, нигарон (мунтазир) кардан

проморóзи||ть *сов.* 1. *что* ях бандондан, ях кунондан; **зéмлю сильно ～ло** *безл.* замин сахт ях бастааст 2. *кого разг.* муддате хунук (сармо) хурондан; **～ть людéй на ýлице** одамонро дар куча нигоҳ дошта хунук хурондан

промотать I *сов. что, чем* муддате ҷунбондан (афшондан)

промотать II *сов. что разг.* бар бод (ба бод) додан, исроф кардан, беҳуда равондан (сарф кардан); **～ все дéньги** тамоми пули худро исроф кардан

промотáться I *сов. прост.* муддате овора шуда гаштан, чанде сарсарӣ гаштан; **～ по гóроду полдня** ним руз дар шаҳр овора гаштан

промотáться II *сов. разг.* тамоми буду шуди (молу мулки) худро бар бод додан

промотыжить *сов. что* каланд кардан, побел кардан; **～ картóфель** кишти картошкаро каланд кардан; **～ зéмлю** заминро каланд кардан

промочú||ть *сов. что* тар (шилтиқ) кардан, тамоман тар кардан, нам кашондан; **дождь хорошó ～л зéмлю** борон заминро нағз тар кард; *(одежду, обувь и т. п.)* тар кунондан, нам кашондан; **～ть ноги** пои худро нам кашондан ◊ **～ть гóрло** ҳалқро (гулуро) тар кардан, камтар нушидан

промтоварный, -ая, -ое ...и молҳои саноатӣ; **～ магазúн** магазини молҳои саноатӣ

промтовáры *мн.* молҳои саноатӣ, маҳсулот саноатӣ

промурлы́кать *сов.* 1. хур-хур кардан 2. *что и без доп. перен. разг.* бо овози паст гуфтан, паст-паст ҳарф задан; замзама кардан, нимғурма сурудан 3. *что и без доп.* муддате хур-хур кардан

промучить *сов. кого-что* муддате азоб (озор, азият) додан, чанде озурдан (ранҷ овардан)

промýчиться *сов.* муддате азоб кашидан, муддате озор (азият) дидан, чанде ранҷ (заҳмат) кашидан, чанде ранҷ бурдан

промфинплан *м* (промышленно-финансовый план) плани саноатӣ ва молиявӣ); **годовой ～ предприятия** плани солонаи саноатӣ ва молиявии корхона

промчáть *сов.* 1. *кого* тозон-гозон (босуръат) бурдан, давон-давон бурдан *(савора)* 2. *разг. см.* **промчáться** I

промчá||ться *сов.* 1. тозон-тозон (босуръат) рафтан (давидан), давон-давон гузаштан; **～ться стрелой** тир барин давида гузаштан 2. *(о времени)* зуд гузаштан, тез гузашта рафтан; **бы́стро ～лось лéто** тобистон зуд гузашта рафт

промывание *с (по знач. гл.* **промыть** 1—3) шустушуӣ, шустан(и), шуста покиза кардан(и). шуста таҳшин кардан(и); шуста бурдан(и), шуста рахна кардан(и); **～ желудка** шустани меъда, танқия; **～ золота** заршуӣ, тиллошуӣ

промывáтельный, -ая, -ое ...и шустушуӣ, ...и шустан(и); **～ прибор** асбоби танқия

промывáть *несов. см.* **промыть** 1—3

промываться *несов. страд.* шустушуӣ карда шудан

промы́вка *ж (по знач. гл.* **промыть** 1, 2) шустушуӣ, шустан(и); шуста таҳшин кардан(и), обшуӣ; **～ пóчвы** обшуии хок

промывнóй, -ая, -óе 1. шуянда, шустушуйкунанда, шуста тозакунанда, ...и шустан(и); **～ чан** чалаки шустушуӣ 2. *в знач. сущ.* **промывная** *ж* хонаи (бинои) шустушу *(барои фулузот, рег ва ғ.)*

промывочн||ый, -ая, -ое *см.* **промывной** 1; **～ая жи́дкость** *тех.* моеи тозакунанда

прóмыс||ел I *м* 1. касб, ҳунар, пеша, шуғл, касбукор; **кузнéчный ～ел** пешаи оҳангарӣ; **охóтничий ～ел** сайд, шикор, касби шикорчигӣ; **отхожие ～лы** *уст.* корҳои мавсимӣ, мардикорӣ, шуғли ғайриасосӣ 2. *чаще мн.* **промыслы** муассисаҳои саноатӣ, конҳо, корхонаҳои истихроҷи маъдан; **нефтяные ～лы** чоҳҳои (конҳои) нафт, корхонаҳои нафтбарорӣ (нафткашӣ); **гóрные ～лы** конҳои маъдан, конҳо; **рыбные ～лы** корхонаҳои саноати моҳигирӣ

прóмысел II, **прóмысл** *м см.* **провидéние**

промыслить *сов. что уст.* ба даст овардан (даровардан), ёфтан, шикор карда ба даст овардан

промысловúк *м* 1. шикорчӣ, сайёд, моҳигир 2. *(рабочий промыслов)* пешавар

промыслóв||ый, -ая, -ое косибӣ, ҳунармандӣ, ...и касб, ...и ҳунар; пешаварӣ; **～ая артель** артели ҳунармандӣ; ...и шикор, ...и сайд, ...и моҳигирӣ; **～ый сезон** мавсими шикор;

~ое судио киштии моҳигири; ~ый зверь ҳайвони ваҳшии шикорбоб

промы́ть *сов. что* 1. шустан, шустушу кардан, шуста тоза (покиза) кардан; ~ **глаза́** чашмро шуста тоза кардан // *мед.* шустан, тоза (тамиз) кардан; ~ **желу́док** меъдаро шустан, танқия кардан 2. шустан, шуста тоза кардан, шуста таҳшин кардан; ~ **руду́** маъданро шуста тоза кардан; ~ **золото́й песо́к** реги тиллоро шустан, заршуӣ кардан 3. шуста бурдан, шуста рахна кардан; **вода́ промы́ла плоти́ну** об бандро рахна кард 4. муддате шустан (шустушу кардан), чанде шуста тоза (покиза) кардан

промыча́ть *сов.* 1. маос (баос) задан 2. *что и без доп. перен. разг.* мад кашидан, бонг задан; норавшан гуфтан

промы́шленник *м* 1. соҳиби корхона, корхонадор 2. *см.* **промысло́вик** I

промы́шленность *ж* саноат; **тяжёлая** ~ саноати вазнин; **лёгкая** ~ саноати сабук; **добыва́ющая** ~ саноати [истихроҷи] маъдан

промы́шленн||ый, -ая, -ое саноатӣ, ...и саноат; ~**ое произво́дство чего́-л.** истеҳсоли саноатии чизе; ~**ый райо́н** минтақаи саноатӣ; ~**ое строи́тельство** сохтмони саноатӣ

промышля́ть *несов.* 1. *см.* **промы́слить**; 2. *чем* машғул шудан, шуғл кардан; ~ **охо́той** ба шикор машғул шудан, шикорчигӣ кардан

промышля́ться *несов. страд.* ба даст оварда шудан

промя́млить *сов. что и без доп.* шаф-шаф гуфтан, нобурро (шунаво-ношунаво, нимғурма) гап задан, хоида гап задан

промя́ть *сов.* 1. *что* зер (пахш, пачақ) кардан, фуру равондан, фуру хамондан; ~ **сиде́нье сту́ла** нишастгоҳи курсиро пахш карда фуру равондан 2. *кого* ҳаракат кунондан, роҳ равондан, роҳ равонда хунук кардан; ~ **ло́шадь** аспро роҳ равонда хунук кардан // *что разг.* ёзондан, ҳаракат кардан; ~ **но́ги** пойҳоро ҳаракат дода ёзондан, барои ёзиши пой андак гардиш кардан

промяу́ка||ть *сов.* 1. мав-мав (мияв-мияв) кардан 2. муддате мав-мав (мияв-мияв) кардан; **ко́шка** ~**ла всю ночь** гурба тамоми шаб мияв-мияв кард

прона́шивать *несов. см.* **проноси́ть** II 3

пронес||ти́ *сов.* 1. *кого-что* бурдан, бардошта бурдан (овардан), гирифта бурдан (овардан); ~**ти́ чемода́н до ваго́на** чамадонро то дари вагон бардошта бурдан 2. *кого-что (мимо кого-чего-л.)* бардошта гузаштан (гузарондан), аз пеши касе (чизе) гирифта гузаштан; ~**ти́ знамёна ми́мо трибу́ны** байрақҳоро бардошта аз назди минбар гузаштан // *кого-что (через что-л.)* аз миёни (аз байни) чизе гузарондан; ~**ти́ шкаф че́рез дверь** ҷевонро аз дар гузарондан // *что разг. (доставить тайком)* рустӣ (пинҳонӣ) бурда расондан // *что перен.* дар дил (дар хотир, дар ёд) нигоҳ доштан (*ҳиссеро, фикреро ва г.*); ~**ти́ любо́вь к кому́-л. че́рез всю жизнь** ишқи касеро то охири умр дар дил парваридан 3. *кого-что* тез (давон-давон) гузаронда бурдан, тез (тозон) давонда гузарондан, босуръат бурдан (савора); **маши́на** ~**ла́ нас че́рез центр го́рода** мошин моро аз маркази шаҳр босуръат гузаронда бурд 4. *чаще безл. что* рондан, ҳай (рад) кардан; **ту́чу** ~**ло́** шамол абрро ронд, абр гузашта рафт // *перен. (миновать — о беде, опасности и т. п.)* гузаштан, бартараф (рафъ) шудан 5. *что уст. (разнести — слух, сплетню)* паҳн кардан, миш-миш кардан, ғайбат кардан 6. *безл. кого прост.* дарун равондан, дарунрав кардан, исҳол кардан (кунондан); **от я́год ребёнка** ~**ло́** мева бачаро дарунрав кард

пронес||ти́сь *сов.* 1. тез (босуръат) гузаштан, давида гузаштан, зуд парида гузаштан; **ста́я птиц** ~**ла́сь над на́ми** аз болои мо селаи паррандагон тез парида гузашт // *перен. (о мыслях, воспоминаниях и т. п.)* ба хотир (ба ёд) омадан, аз фикр гузаштан, аз дил гузаштан 2. *перен. (о времени)* тез (зуд) гузаштан, гузашта рафтан; **ле́то бы́стро** ~**лось** тобистон тез гузашт 3. *(раздаться — о звуках)* баромадан, шунида шудан, ба гӯш расидан // *перен.* паҳн шудан, миш-миш шудан, гап-гап шудан; **пронёсся слух...** овоза шуд, ки...

пронза́ть *несов. см.* **пронзи́ть**

пронзи́тельно *нареч.* гушро кар карда, гӯшкаркунон, бо садои гушхарош; башиддат; ~ **визжа́ть** бо садои гушхарош виззос задан

пронзи́тельный, -ая, -ое (пронзи́те|лен, -льна, -льно) 1. тез, гушкаркунак, гушхарош, баланд; ~ **крик** фарьёди гушхарош; ~ **го́лос** овози гӯшкаркунанда 2. сахт, тез, тунд, башиддат, шиддатнок; ~ **ве́тер** шамоли башиддат, боди тунд 3. бодиққат, тез, чуқур; ~ **взгляд** нигоҳи тез

пронзи́ть *сов. кого-что* 1. халондан, сурох кардан, халонда сурох кардан; ~ **штыко́м** ба сарнайза сурох кардан, сарнайза халондан 2. *перен.* якбора пайдо шудан; **его́ созна́ние пронзи́ла мысль об опа́сности** дар майнаи у якбора фикри хатаре пайдо шуд ◇ ~ **ду́шу (се́рдце)** азоби рӯҳӣ додан, сахт расидан; ~ **взгля́дом** бо чашми тез нигоҳ кардан; чашм духта нигоҳ кардан

прониза́||ть *сов.* 1. *что чем* ба ришта кашидан, шадда (ҳамел) кардан 2. *что (пробить насквозь)* сурох карда гузаштан, зада сурох кардан; 3. *кого-что перен.* бо (аз) мағзи чизе гузаштан, асар кардан; **хо́лод** ~**л до косте́й** хунукӣ то мағзи устухон асар кард; **листву́** ~**ли лучи́ со́лнца** шуоҳои офтоб аз мағзи баргҳо гузаштанд

прони́зывать *несов. см.* **прониза́ть**

прони́зывающий, -ая, -ее 1. *прич.* сурохкунанда 2. *прил.* (*о холоде, ветре и т. п.*) бисьёр сахт, бошиддат, шадид, шиддатнок, тез, тунд; ~ **ве́тер** шамоли бошиддат, боди тунд; ~ **хо́лод** хунукии бисьёр сахт 3. *прил.* бодиққат, тез, чуқур; ~ **взгляд** нигоҳи тез

проника́ние *с см.* **проникнове́ние** I; ~ **воды́ в подва́л** ба таҳхона даромадани об

проника́ть(ся) *несов. см.* **прони́кнуть(ся)**

проникнове́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **прони́кнуть**) даромадан(и), дохил шудан(и), ба даруни чизе гузаштан(и) 2. *см.* **проникнове́нность**

проникнове́нно *нареч.* самимона, аз сидқи дил, дилсӯзона, сидқӣ

проникнове́нность *ж* самимият, сидқи дил, садоқат; **говори́ть с** ~**ю** бо самимият (аз сидқи дил) гап задан

проникнове́нн||ый, -ая, -ое (проникнове́н|ен, -на, -но) самимӣ, самимона, содиқ, таъсирбахш; **говори́ть** ~**ым го́лосом** бо овози самимона гап задан, сидқӣ гап задан

прони́кнуть *сов.* 1. даромадан, дохил (ворид) шудан, ба даруни *чизе* гузаштан; нуфуз кардан; **вода́ прони́кла в трюм** об ба даруни киштӣ даромад; **в щель прони́к свет** аз тарқиш равшанӣ даромад; ~ **в глубь тайги́** бо азобу машаққат ба даруни тайга даромадан 2. роҳ ёфтан, расидан, маълум (машҳур) шудан; **э́ти све́дения прони́кли в печа́ть** ин маълумот ба матбуот роҳ ёфт 3. *кого-что уст. и во что перен.* воқиф шудан, фаҳмида гирифтан; ~ **в психоло́гию геро́я** аз руҳияи қаҳрамон воқиф шудан

прони́кнуться *сов. чем* бо ҳиссиёте фаро гирифта шудан, саршори эҳсос шудан; пурра фаҳмидан; ~ **уваже́нием к кому́-л.** касеро (ба касе) аз ҳад зиёд эҳтиром кардан (доштан); ~ **созна́нием до́лга** масъулияти худро пурра фаҳмидан

пронима́ть *несов. см.* **проня́ть**

проница́емость *ж* нуфуспазирӣ, қобилияти аз худ гузаронидани *чизе*; ~ **по́чвы** қобилияти чизеро аз худ гузаронидани хок

проница́емый, -ая, -ое =гузаронанда; =гузар; ~ **для воды́** обгузар, обчавак, обгузаронанда; ~ **для све́та** рушноигузар, рушноигузаронанда

проница́тельно *нареч.* бофаросатона, басирона, нуктасанҷона, зиракона

проница́тельность *ж* фаросат, басират, нуктасанҷӣ, зиракӣ, борикбинӣ

проница́тельный, -ая, -ое (проница́те|лен, -льна, -льно) бофаросат, басир, борикбин, тез, нуктасанҷ, зирак(она); ~ **взгляд** нигоҳи зиракона, нигоҳи тез; ~ **ум** зеҳни тез, ақли расо; ~ **челове́к** одами борикбин

проно́нс *м разг. (произношение)* талаффуз, тарзи гуфтор // *(акцент)* талаффуз, лаҳҷа, шеваи гуфтор

проно́с *м (по знач. гл.* **пронести́** 2) бардошта гузаштан(и), гирифта гузаштан(и)

проноси́ть I *несов. см.* **пронести́**

проноси́ть II *сов.* 1. *кого-что* муддате бардошта гаштан, муддате пуштора

карда гаштан; ~ **це́лый день ребёнка на рука́х** бачаро рузи дароз бардошта гаштан 2. *что* муддате пӯшидан, пушида гаштан; ~ **костю́м два го́да** костюмро ду сол пушидан 3. *что разг.* кӯҳна (фасурда) кардан, пушида кухна кардан; ~ **сапоги́ до дыр** музаро пӯшида даррондан

проноси́ться I *несов. см.* **пронести́сь**

проноси́||ться II *сов. разг.* 1. муддате тез (босуръат) гаштан; **~ться на лошади весь день** рӯзи дароз аспсавор гаштан 2. даридан, сӯрох шудан, кухна (лах-лах) шудан; **боти́нки ~лись** ботинка дарид, ботинка фарсуда (кухна) шуд 3. муддате дошт додан; **платье ~лось два го́да** курта ду сол дошт дод 4. *с кем-чем* муддате машғули чизе будан, чанде гирифтори чизе будан (шудан); **~ться со свои́м прое́ктом це́лый ме́сяц** як моҳи дароз машғули нақшаи худ будан

пронумерова́ть *сов. что* шумора гузоштан, рақам мондан, шуморабандӣ кардан; ~ **страни́цы** ба варақҳо рақам мондан, саҳифаҳоро шуморабандӣ кардан

пронумеро́вывать *несов. см.* **пронумерова́ть**

проны́ра *м, ж разг.* фиребгар, каллоб, шайтон, доғулӣ

проны́ривать *несов. см.* **пронырну́ть**

проны́рливость *ж* фиребгарӣ, каллобӣ, шайтанат, доғулигӣ

проны́рливый, -ая, -ое (пронырлив, -а, -о) фиребгар, қаллоб, шайтон, доғулӣ

пронырну́ть *сов.* 1. дар об ғута хурда шино кардан; ~ **от одного́ бе́рега до друго́го** аз як соҳил ба дигараш гута зада шинокунон гузаштан 2. *перен. разг.* номаълум ба чое гузаштан, пинҳонӣ сар халондан; ~ **сквозь толпу́** дар байни издиҳом гузашта ғайб задан

пронюхать *сов. что и без доп. прост.* бӯй бурдан, пай бурдан, хабардор шудан, дарак ёфтан. фаҳмидан

пронюхивать *несов. см.* **пронюхать**

проня́нчить *сов. кого* муддате парасторӣ (доягӣ, бачабардорӣ) кардан

проня́нчиться *сов. с кем-чем разг.* муддате парасторӣ (доягӣ, бачапоӣ, бачабардорӣ) кардан

проня́ть *сов. кого разг.* 1. таъсир кардан (гузоштан) 2. *перен.* сахт таъсир кардан, таассурот гузоштан, мутаассир кардан; **его́ ниче́м не проймёшь** ба вай гап таъсир намекунад; пушти ману табари қассоб мегуяд

прообраз *м* тимсол, намуна, сармашқ

проорать *сов. что и без доп. прост.* 1. сахт фарьёд задан, наъра кашидан, дод (бонг) задан; ~ **во всё го́рло** бо тамоми овоз фарьёд задан, гулу дарронда дод задан 2. муддате сахт фарьёд кардан

про́охать *сов. разг.* 1. *что и без доп.* оҳ кашидан, оҳу нола кардан, уф(ф) гуфтан; оҳ кашида (оҳувоҳкунон) гуфтан 2. муддате оҳ кашидан

проохо́ти||ться *сов.* муддате шикор (сайд) кардан; **они́ ~лись це́лый день** онҳо тамоми рӯз сайд карданд

пропага́нда *ж* пропаганда, тарғибот, таблиғот; **атеисти́ческая** ~ пропагандаи атеистӣ; **нау́чно-техни́ческая** ~ пропагандаи илмии техникӣ; **парти́йная** ~ пропагандаи партиявӣ; ~ **достиже́ний нау́ки** пропагандаи комьёбиҳои илм; ~ **передово́го о́пыта** пропагандаи таҷрибаи пешкадам

пропаганди́ровать *несов. что* пропаганда кардан, тарғибот (таблиғот) бурдан

пропаганди́роваться *несов. страд.* пропаганда карда шудан

пропаганди́ст *м* пропагандист, тарғиботчӣ, таблиғотчӣ

пропаганди́стка *женск. к* **пропаганди́ст**

пропаганди́стск||ий, -ая, -ое ...и пропаганда, тарғиботӣ, таблиғотӣ; **~ая рабо́та** кори тарғиботи

пропа́да||ть *сов.* муддате боридан; **снег ~л весь день** барф тамоми рӯз борид

пропада́||ть *несов. см.* **пропа́сть** ◇ **где на́ше (ва́ше) не ~ло!** ҳар чӣ бодо бод!, таваккал!

про́падом: **пропади́ (пропада́й) ~!** нест шав!, дафъ шав!, гум шав!, садқаи сар!

пропажа *ж* 1. (*по знач. гл.* **пропа́сть**) гум шудан(и), мафқуд шудан(и); ~ **докуме́нтов** гум шудани ҳуҷҷатҳо 2. *разг.* чизи гумшуда (мафқуд); ~ **нашла́сь** чизи гумшуда ёфт шуд

пропа́лзывать *несов. см.* **проползти́**

пропа́ливать *несов. см.* **пропали́ть** I

пропали́ть I *сов. что прост.* сӯзондан, сузонда шикоф (сурох) кардан; ~ **пере́дник** пешдоманро сӯзонда сурох кардан

пропали́ть II *сов. уст. разг.* (*выстрелить*) тир паррондан, тир холӣ кардан, тир андохтан, тирандозӣ кардан

пропа́лывание *с см.* **пропо́лка**

пропа́лывать *несов. см.* **прополо́ть** I

пропа́лываться *несов. страд.* хишова карда шудан

пропа́ривание *с см.* **пропа́рка**

пропа́ривать *несов. см.* **пропа́рить** I

пропа́риваться *несов.* 1. *см.* **пропа́риться** I; 2. *страд.* буғ дода шудан

пропа́рить *сов.* 1. *что* буғ додан, буғ хурондан, дар буғ пухтан; дам кардан; ~ **бо́чку** бочкаро буғ додан 2. *что и без доп.* муддате буғ додан

пропа́ри||ться *сов.* 1. буғ хурдан, дар буғ пухтан; **о́вощи хорошо́ ~лись** сабзавот нағз буғ хурд // (*о человеке*) худро буғ додан; **~ться в ба́не** дар ҳаммом худро буғ додан 2. муддате дар буғ пухтан // муддате худро буғ додан

пропа́рка *ж* (*по знач. гл.* **пропа́рить** 1) буғ додан(и), буғ хуронданӣ(и)

пропа́рочн||ый, -ая, -ое ...и буғкунӣ, буғкунанда, ...и буғдиҳӣ; **~ая ка́мера** камераи буғдиҳӣ

пропа́рхивать *несов. см.* **пропорхну́ть**

пропа́рывать *несов. см.* **пропоро́ть** I, 2

про́пасть *ж* 1. ҷар, партгоҳ, ҷуқурии бетаг, варта, ғаркоб; **го́рная тропи́нка вила́сь над ~ю** пайраҳаи кӯҳӣ қад-қади партгоҳ мерафт // фазои бепоён, қаър, умқ; **морска́я ~ поглоти́ла кора́бль** қаъри баҳр киштиро фуру бурд 2. *перен.* фарқи калон, тафовути бузург; **ме́жду ни́ми лежи́т ~** байни онҳо фарқи калон аст, фарқи байни онҳо аз замин то осмон аст 3. *разг.* аз ҳад зиёд (афзун), як дуньё, як олам; **у него́ ~ дел** у як олам кор дорад 4. *в знач. межд. разг.* [эх] сабилмонда, [эх] зормонда; **тьфу [ты] ~! А я не узна́л тебя́** оббо (тавба)! Туро нашинохтаам ◇ **про́пасти нет** *на кого-что прост.* замин ба комаш намекашад, ки...

пропа́||сть *сов.* 1. гум (бедарак, ғоиб) шудан, ғайб задан, мафқуд шудан; **у меня́ ~ла кни́га** китоби ман гум шуд; **~сть бе́з вести** беному нишон шудан, бедарак рафтан 2. ғоиб шудан, ғайб задан; **го́ры ~ли из виду** куҳҳо аз назар ғоиб шуданд 3. рафтан, намондан, аз даст (аз миён, аз байн) рафтан; **у него́ ~ло зре́ние** у кӯр (нобино) шуд; **за́пах ~л** бу рафт, бӯй парид // маҳв шудан, нобуд шудан, ҳалок шудан, мурдан; **цветы́ ~ли от моро́за** гулҳо аз хунукӣ нобуд шуданд 4. зоеъ (беҳуда) рафтан, бар абас (ба ҳадар) рафтан, тобоҳ шудан; **у меня́ ~л да́ром це́лый час** як соат вақтам бехуда гузашт ◇ **пан и́ли ~л, ли́бо пан, ли́бо ~л** *погов.* ё шоҳ ё гадо; ҳар чӣ бодо бод; **~ди́ (~да́й) про́падом!** нест шав!, дафъ шав!, гум шав!, садқаи сар!; **пиши́ ~ло** мурдам гуфтан гир, сабил монд (расво шуд) гуфтан гир

пропаха́||ть *сов.* 1. *что* шудгор кардан, рондан, ҳай кардан, гардондан; **глубоко́ ~ть зе́млю** заминро чукур шудгор кардан 2. *что и без доп.* муддате шудгор кардан; **он ~л до ве́чера** вай то шаб шудгор кард

пропа́хивание *с см.* **пропа́шка**

пропа́хивать *несов. см.* **пропаха́ть** I

пропа́хиваться *несов. страд.* шудгор карда шудан

пропа́х||нуть *сов.* 1. *чем* бӯй гирифтан; **ве́щи ~ли нафтали́ном** чизҳо бӯи нафталин гирифтаанд 2. *разг.* вайрон шудан, гандидан, буйнок шудан, бӯй овардан, бӯй додан; **мя́со ~ло** гӯшт вайрон шуд

пропа́шка *ж* (*по знач. гл.* **пропаха́ть** I) шудгоркунӣ, заминронӣ, ҳай кардан(и), гардондан(и)

пропа́шник *м с.-х.* нармкунак (*олати нармкунӣ ва аз алафҳои бегона тоза кардани байни қаторҳои кишт*)

пропашн||о́й, -ая, -ое 1. ...и нармкунӣ, нармкунанда; **~о́й тра́ктор** трактори [хокро] нармкунанда 2. каландшаванда; **~ые культу́ры** зироати дар чуякҳо кишт шаванда

пропа́щ||ий, -ая, -ее *разг.* 1. ношуд, аздастрафта, бахадаррафта; **~ее де́ло** кори аздастрафта 2.ислоҳнопазир, ислоҳнашаванда; **~ий челове́к** одами ислоҳнопазир

пропая́ть *сов.* 1. *что* лаҳим кардан 2. *что и без доп.* муддате лаҳим кардан

пропеде́втика *ж книжн.* пропедевтика (*муқаддимаи муҷази ягон илм ё фан*)

пропедевти́ческий, -ая, -ое *книжн.* ...и пропедевтика, пропедевтикавӣ; ~ **курс** курси пропедевтикавӣ

пропека́ть *несов. см.* **пропе́чь** 1, 2

пропека́ться *несов.* 1. *см.* **пропе́чься**; 2. *страд.* нағз пухта шудан

пропе́ллер *м* пропеллер, парраи самолёт

пропе́ллерн||ый, -ая, -ое паррадор, ...и пропеллер, ...и парраи самолёт; ~**ое устро́йство** сохти паррадор

пропе́рчивать *несов. см.* **пропе́рчить**

пропе́рчиваться *несов.* 1. *см.* **пропе́рчиться**; 2. *страд.* сермурч карда шудан

пропе́рчить *сов. что разг.* бисьёр тунд кардан, бисьёр мурч андохтан (задан, пошидан), сермурч кардан

пропе́рчиться *сов. разг.* бисьёр тунд шудан, сермурч шудан

пропесо́чить *сов. кого-что прост.* сахт сарзаниш (танбеҳ) кардан

пропе́||ть *сов.* 1. *что и без доп.* сурудан, суруд хондан, ашӯла гуфтан (хондан); ~**ть пе́сню** суруд хондан // (*произнести нараспев*) мад кашида гуфтан // (*о птицах*) хондан, чеғ задан, бонг задан, чаҳ-чаҳ задан; **давно́** ~**ли петухи́** хурусҳо кайҳо чеғ зада буданд 2. *что разг.* гум кардан, хаста кардан; ~**ть го́лос** овозро гум кардан 3. *что и без доп.* муддате хондан; **соловьи́** ~**ли до утра** булбулҳо то саҳар чаҳ-чаҳ заданд

пропеча́тать *сов. прост.* 1. *кого-что* чоп карда мазаммат кардан, дар матбуот танбеҳ додан; ~ **кого́-л. в стенгазе́те** касеро дар газетаи деворӣ задан 2. *что* чоп кардан 3. *что и без доп.* муддате чоп кардан

пропеча́тывать *несов. см.* **пропеча́тать** 1, 2

пропе́чь *сов. что* 1. нағз пухтан, хуб пазондан; ~ **хлеб** нонро хуб пазондан 2. *разг.* хуб (бисьёр) гарм кардан (тафсондан); ~ **спи́ну на со́лнце** пушти худро хуб офтоб додан 3. *тж. без. доп.* муддате пухтан (пазондан)

пропе́чься *сов.* 1. нағз пухтан, хуб пухта шудан; **хлеб хорошо́ пропёкся** нон нағз пухта шудааст 2. *разг.* (*сильно прогреться*) хуб гарм шудан, тафсон шудан, тафсидан

пропива́ть *несов. см.* **пропи́ть** 1, 2, 4

пропива́ться *несов.* 1. *см.* **пропи́ться**; 2. *страд.* ба арақхурӣ сарф карда шудан

пропиле́и *мн. архит.* қаторсутун

пропи́ливание *с* (*по знач. гл.* **пропили́ть** 1) арракунӣ

пропи́ливать *несов. см.* **пропили́ть** 1

пропили́кать *сов. что и без доп. разг.* 1. ғиҷҷакро (дуторро) харошида навохтан, нохун задан, тиринг-тиринг (ғинг-ғинг) кардан 2. муддате ғиҷҷак навохтан

пропили́ть *сов.* 1. *что* арра кардан, бо арра буридан; ~ **де́рево до середи́ны** дарахтро то миёнаш арра кардан // (*вырезать пилой*) арра карда ғирифтан, бо арра буридан; ~ **отве́рстие для окна́** барои тиреза сурохӣ буридан 2. *что и без доп.* муддате арра кардан; ~ **весь день дрова́** рузи дароз ҳезум арра кардан

прописа́ть *сов.* 1. *кого-что* қайд (сабт) кардан, қайд (сабт) кунондан, аз қайд гузарондан, нависондан; ~ **но́вого жильца́** сокини навро қайд кардан; ~ **па́спорт** паспортро қайд кардан 2. *что и с неопр.* навиштан, таъин кардан, фармудан; ~ **лекарство** дору фармудан (таъин кардан) 3. *что и без доп.* муддате навиштан, чанде хатнависӣ кардан, машғули навиштан шудан; ~ **всю ночь до утра́** шаби дароз хатнависӣ кардан 4. *что иск.* сармашқ навиштан 5. *что, о чём прост.* [дар мактуб] навиштан 6. *см.* **пропеча́тать** 1; 7. *кому прост.* (*наказать*) ҷазо (сазо) додан, танбеҳ додан ◇ ~ **и́жицу** *кому уст.* сахт танбеҳ додан, ҷазо додан; куфтан, лат кардан

прописа́ться *сов.* худро қайд (сабт) кунондан, худро нависондан; ~ **по но́вому адресу** худро дар манзили нав қайд кунондан

пропи́ска *ж* 1. (*по знач. гл.* **прописа́ть** 1) қайд (сабт) кардан(и), қайд (сабт) кунондан(и); (*по знач. гл.* **прописа́ться**) худро қайд (сабт) кунондан(и) 2. қайд, сабт, ишора; **постоя́нная** ~ қайди (сабти) доимӣ; **вре́менная** ~ қайди (сабти) муваққатӣ 3. *см.* **про́пись** 3

прописи||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и қайд, ...и сабт; ~**о́й ште́мпель** мухри қайд (сабт) 2. [ба ҳама] маълум, забонзада, маъмӯл; ~**а́я и́стина** ҳақиқати [ба ҳама] маълум ◇ ~**а́я бу́ква** харфи калон, сарҳарф

пропи́сывать *несов. см.* **прописа́ть** 1, 2, 4, 6, 7

пропи́сываться *несов.* 1. *см.* **прописа́ться**; 2. *страд.* таъин карда шудан

про́пись *ж* 1. сармашқ (*намунаи хати зебо ва саҳеҳ*) 2. *перен.* фикри маълум (маъмул) 3. *иск.* унсурҳои асосии тасвир 4. *в знач. нареч.* **про́писью** бо ҳарф, ҳарфан; **написать число́** ~**ю** рақамро бо ҳарф навиштан

пропита́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **пропита́ть** 1) таомдиҳӣ, хурокдиҳӣ 2. хӯрок, ризқу рузи, хурду хурок, қут

пропита́ть I *сов. кого-что разг.* таом (авқот) додан, хурок додан, хӯрондан; ~ **семью́** оиларо хӯрондан, оиларо таъмин кардан

пропита́||ть II *сов. что чем* тар кардан, хӯрондан, парварда кардан, ҷаббондан; ~**ть тря́пку ма́слом** латтаро ба равған тар кардан; **сы́рость** ~**ла сте́ны** девор нам кашид // (*запахом, дымом и т. п.*) бӯйнок кардан, дудолуд кардан, бӯи дуд шинондан; **во́здух был пропи́тан арома́том цвето́в** ҳаво аз буи хуши гулҳо муаттар буд

пропита́ться I *сов. разг.* ризқу рӯзӣ ёфтан, руз гузарондан, нони худро ёфта хурдан

пропита́||ться II *сов. чем* тар шудан, нам кашидан, ба худ ҷаббидан, ба худ гирифтан, шилтиқ шудан; **руба́шка** ~**лась по́том** курта аз арақ тар шуд, курта аз арақ шилтиқ шуд // (*запахом, дымом и т. п.*) кашидан, гирифтан, бӯй омадан (додан); **во́здух** ~**лся за́пахом мо́ря** ҳаво буи баҳр медод

пропи́тка *ж* 1. *см.* **пропи́тывание**; 2. парвара

пропито́й, -а́я, -о́е хиррӣ, майзада; ~ **го́лос** овози хиррии майзада

просто 1. *нареч.* ба осонӣ, ба таври оддӣ; **это делается очень** ~ ин [кор] ба осонӣ карда мешавад, ин кори саҳл аст 2. *нареч.* оддӣ, содда; **он говорит очень** ~ у бисьёр оддӣ гап мезанад; **она была одета** ~ либосаш оддӣ буд 3. *нареч.* беназунуз(она), бекарруфар(она), бетакаллуф(она); **она** ~ **держится** вай нозунуз намекунад, вай одами бетакаллуф аст 4. *в знач. усил. частицы разг.* ҳақиқатан ҳамин хел (тавр), дар ҳақиқат, маҳз; **это** ~ **безобразие!** дар ҳақиқат ин расвоист! 5. *в знач. ограничит. частицы разг.* танҳо, фақат, ...-у бас; **ты** ~ **очень устал** ту монда шудаиву бас ◇ ~**-напросто** ҳамту, беғаразона; ~ **так** 1) одатан, ҳамту, ҳамин зайл, ҳамин тавр 2) тасодуфан, надониста, беихтиёр(она) беғараз(она)

простоватость *ж разг.* 1. соддагӣ, соддадилӣ, соддалавҳӣ 2. кутоҳандешӣ, камандешӣ

простоватый, -ая, -ое (простоват, -а, -о) *разг.* 1. (*простодушный*) содда, соддадил(она), софдил(она), соддалавҳ(она); 2. (*недалёкий*) кутоҳандеш, камандеш

простоволосый, -ая, -ое (простоволос, -а, -о) *разг.* сарлуч, сарбараҳна

простодушие *с* соддадилӣ, софдилӣ, соддагӣ

простодушно *нареч.* соддадилона, софдилона, ба таври содда

простодушн||ый, -ая, -ое (простодуш|ен, -на, -но) соддадил(она), софдил(она), содда; ~**ый человек** одами софдил; ~**ое выражение лица** қиёфаи соддадилнамо

прост||ой I, -ая, -ое (прост, -а, -о) 1. содда, оддӣ, осон; ~**ая задача** масъалаи оддӣ 2. содда, якчинса, якхела, номураккаб; ~**ое число** *мат.* адади содда; ~**ое предложение** *грам.* ҷумлаи содда 3. оддӣ, содда; ~**ое платье** куртаи оддӣ (оддидухт) 4. *тк. полн. ф.* оддӣ, содда, муқаррарӣ, маъмулӣ; **они говорили о самых** ~**ых вещах** онҳо дар бораи чизҳои муқаррарӣ (оддӣ) гап мезаданд 5. оддӣ, беназунуз, бетакаллуф; ~**ое обращение** муомилаи оддӣ (бетакаллуф) 6. *разг.* (*наивный*) содда, соддадил, соддалавҳ 7. *тк. полн. ф.* (*по качеству, отделке и т. п.*) сақат, оддӣ, паст; **мука** ~**ого помола** орди паст, орди ҷойдорӣ 8. *тк. полн. ф. уст.* маъмулӣ, фуқаро, авомона, омӣ, омиёна, оддӣ; ~**ой народ** авом, мардум 9. *тк. полн. ф.* меҳнаткаш, заҳматкаш; ~**ые люди всего мира** меҳнаткашони тамоми дуньё ◇ ~**ая бухгалтерия** ҳисоби оддӣ, ҳисобу китоби содда, ҳисоби ҳамдуна; ~**ое письмо** мактуби оддӣ (муқаррарӣ); ~**ым глазом** бо чашми оддӣ, бе дурбин

простой II *м* бекор мондан(и), хоб рафтан(и), аз кор бозистодан(и), аз кор мондан(и); ~ **машины** бекор мондани мошинҳо

простокваша *ж* ҷурғот, ҷурғот, мост

простолюдин *м уст.* раият, фуқаро

простолюдинка *женск. к* **простолюдин**

простонародность *ж уст.* омӣ (омиёна, халқӣ будан(и)

простонародн||ый, -ая, -ое *уст.* омӣ, омиёна, авомона, халқӣ, ...и халқи оддӣ; ~**ая речь** нутқи омиёна, лафзи халқӣ

простонародье *с собир. уст.* авом, халқи оддӣ

простонать *сов.* 1. нолиш (нола) кардан, фиғон кардан (баровардан), нолидан // *что и без доп.* нолиш карда гуфтан, нолида гуфтан 2. муддате нолиш (нола) кардан, чанде нолидан

простор *м* 1. фазо, вусъат, фароҳӣ, паҳно, ялангӣ; **степные** ~**ы** фароҳии даштҳо, даштҳои васеъ 2. (*свобода*) озодӣ, фароғат, фориғболӣ; **на** ~**е** дар фароғат

просторечие *с* 1. забони халқӣ (гуфтугу), лафзи халқӣ 2. *лингв.* ибораи гуфтугуӣ, ибораи халқӣ

просторечн||ый, -ая, -ое *лингв.* гуфтугуӣ, халқӣ; ~**ое выражение** ибораи гуфтугуӣ, ибораи халқӣ

просторно *нареч.* васеъ, кушод, паҳно, фарох

просторн||ый, -ая, -ое (простор|ен, -на, -но) васеъ, кушод, паҳновар, фарох; фаҳул; ~**ый зал** зали васеъ; ~**ое платье** куртаи фаҳул

просторожить *сов. кого-что и без доп.* муддате қаравулӣ (посбонӣ) кардан, чанде муҳофиза (нигоҳдорӣ) кардан

простосердечие *с* софдилӣ, соддадилӣ, кушодадилӣ, самимият, садоқат

простосердечно *нареч.* софдилона, соддадилона, самимона, босадоқат

простосердечный, -ая, -ое (простосердеч|ен, -на, -но) софдил, соддадил, самимӣ, содиқ, босадоқат

простот||а *ж* 1. осонӣ, осон будан(и): ~**а решения задачи** осон будани ҳалли масъала 2. оддӣ будан(и), соддагӣ; ~**а одежды** оддӣ будани либос 3. бетакаллуфӣ, бетакаллуф(она) будан(и): ~**а обращения** бетакаллуфона будани муомила 4. (*простодушие*) соддадилӣ, софдилӣ, соддалавҳӣ ◇ **святая** ~**а** одами содда, авлиё; **по** ~**е душевной** аз соддадилӣ, аз руи соддалавҳӣ

простофиля *м, ж разг.* каллакаду

просто||ять *сов.* 1. муддате истодан

(мондан); **с минуту оній ～яли молча** онҳо як дақиқа барин хомуш истоданд // *за чем, у чего* муддате [рост] дар ҷо истода кор кардан; **он пять лет ～ял за станком** у панҷ сол дар дастгоҳ кор кард 2. муддате будан (мондан, истодан), чанде таваққуф кардан; **отряд неделю ～ял в лесу** отряд як хафта дар беша истод (монд); **поезд ～ял на станции полчаса** поезд дар станция ним соат таваққуф кард (истод) 3. муддате бекор истодан (хобидан), чанде беҳаракат истодан (мондан); **машина ～яла один день** мошин як руз бекор истод 4. муддате поидан, чанде хизмат кардан, як муддат кор омадан; **этот дом ～йт ещё много лет** ин хона боз якчанд соли дигар мепояд

простра́гивать *несов. см.* **прострога́ть** 1, 2

простра́гиваться *несов. страд.* ранда карда шудан

простра́нно *нареч.* муфассал(ан), васеъ, тулонӣ, ҳамаҷониба, ҳаматарафа

простра́нность *ж* муфассалӣ, муфассал (батафсил) будан(и), дуру дароз будан(и); ～ **изложе́ния** дурударозии баёнот, батафсил будани шарҳ

простра́нн||ый, -ая, -ое (простра́н|ен, -на, -но) 1. *книжн.* васеъ, паҳновар; ～**ые владе́ния** амлоки васеъ 2. муфассал, батафсил, дуру дароз; ～**ое письмо́** мактуби муфассал, номаи дуру дароз

простра́нственн||ый, -ая, -ое маконӣ, ...и макон, фазоӣ, ...и фазо; ～**ые отноше́ния** *филос.* муносибати маконӣ

простра́нств||о *с* 1. фазо, ҷо; **безвозду́шное ～о** фазои беҳаво, ҷои беҳаво, фазои холӣ 2. *филос.* макон, фазо; ～**о и вре́мя — основны́е фо́рмы существова́ния мате́рии** макону замон шаклҳои асосии мавҷудияти материя мебошанд 3. ҷой, фосила, мобайн, миён; ～**о ме́жду окно́м и две́рью** фосилаи байни тиреза ва дар 4. ҷой, масоҳат, масофат, замин, арз, арозӣ; **огро́мные ～а Сиби́ри покры́ты ле́сом** дар Сибирь масоҳати калонро бешазор ишғол мекунад ◇ **мёртвое ～о** *воен.* ҷои тирнорас

простра́иствовать *сов.* муддате саёҳат кардан, чанде сафар (мусофират) кардан

простра́ция *ж книжн.* афтодаруҳӣ, заъфи ҷисмонӣ ва руҳӣ

простра́чивать *несов. см.* **простро́чить** 1, 2

простра́чиваться *несов. страд.* духта шудан

простре́л *м* дарди миён (камар)

простре́ливать *несов.* 1. *см.* **простреля́ть**; 2. *см.* **простреля́ть** 1; 3. *что воен.* тирборон кардан, зери оташ гирифтан, оташфишонӣ кардан; ～ **пози́ции проти́вника** мавқеи душманро тирборон кардан

простре́ливаться *несов. страд.* зери оташ гирифта шудан

простре́ли́ть *сов. кого-что* бо тир шикоф (сурох) кардан, тир задан; ～ **грудь** ба сина тир задан

простреля́ть *сов.* 1. *что разг.* паронда дидан, аз тафтиш гузарондан (*милтикро*) 2. муддате тирпарронӣ кардан (паррондан)

простри́га́ть *несов. см.* **простри́чь** 1

простри́га́ться *несов. страд.* қайчӣ карда шудан

простри́чь *сов.* 1. *что* қайчӣ карда рах (фарқ) баровардан 2. *кого-что* муддате қайчӣ кардан (тарошидан)

прострога́ть *сов. что* 1. тарошида ҳамвор кардан, бо ранда суфта (ҳамвор) кардан, ранда кардан; ～ **до́ску** тахтаро бо ранда суфта кардан 2. тарошида чуқурӣ кардан, тарошида нишеб кардан; ～ **желобо́к на доске́** тахтаро тарошида новача кардан 3. *тж. без доп.* муддате тарошидан, як муддат ранда кардан

простро́ить *сов. что разг.* муддате бино кардан (сохтан)

простро́чи́ть *сов.* 1. *что* дӯхтан, бахия кардан (задан), мошина кардан; ～ **воротни́к** гиребонро мошина кардан 2. *разг. (из оружия)* паи ҳам (тез) тир паррондан, босуръат тирандозӣ кардан 3. *что и без доп.* муддате дӯхтан, чанде мошина кардан

простру́га́ть *сов. разг. см.* **прострога́ть**

простру́гивать *несов. разг. см.* **простра́гивать**

просту́д||а *ж* зуком, шамол хурдан(и); **схвати́ть ～у** зуком шудан

простуди́ть *сов.* 1. *кого-что* зуком кардан, шамол хурондан; ～ **ребёнка** бачаро шамол хурондан; ～ **го́рло** гулуро сармо занондан 2. *что прост. (охладить)* хунук (сард) кардан

простуди́ться *сов.* зуком шудан, шамол хурдан

просту́ди||ый, -ая, -ое ...и зуком,... и шамол хурдан(и); **боле́знь ～ого хара́ктера** бемории зуком

простужа́ть *несов. см.* **простуди́ть**

простужа́ться *несов.* 1. *см.* **простуди́ться**; 2. *страд.* шамол хуронда шудан

просту́женн||ый, -ая, -ое (просту́жен, -а, -о) 1. *прич.* шамол хурондашуда 2. *прил.* шамолхурда, зукомшуда; ～**ое го́рло** гулӯи шамолхурда

просту́кать *сов.* 1. *что и без доп.* тиқ-тиқ карда фаҳмондан 2. *кого-что* тиқ-тиқ карда гуш кардан (шунидан); ～ **лёгкие** тиқ-тиқ карда вазъи шушро фаҳмидан (муайян кардан)

просту́кивать *несов. см.* **просту́кать**

просту́киваться *несов. страд.* тиқ-тиқ карда фаҳмида шудан

проступа́ть *несов. см.* **проступи́ть**

проступи́||ть *сов.* 1. таровиш кардан, таровидан, берун омадан, таровида (заҳида) баромадан; **пот ～л у него́ на лбу** пешонааш арақ кард 2. намудор (намоён) шудан, зоҳир шудан; **в темноте́ ～ли очерта́ния большо́го зда́ния** дар торикӣ тарҳи биной калон намудор шуд

просту́пок *м* гуноҳ, рафтори ношоям

простуча́ть *сов.* 1. куфтан, тақ-тақ (шақ-шақ) кардан, тиқ-тиқ (тақар-тақар) кардан // *что и без доп. (передать стуками)* тиқ-тиқ карда фаҳмондан // *(проехать, пройти со стуком)* тақ-тақ карда рафтан, тиқ-тиқ (тақар-тақар) карда гузаштан 2. муддате тақ-тақ (шақ-шақ) кардан

просту́шка *ж разг.* зани содда (соддадил, соддалавҳ)

простыва́ть *несов. см.* **просты́ть**

просты́нка *ж уменьш. к* **простыня́** ҷойпушча, малофача

просты́нн||ый, -ая, -ое ...и ҷойпӯш, ...и малофа, ҷойпушбоб; ～**ое полотно́** катони ҷойпушӣ (ҷойпушбоб)

просты́нуть *сов. см.* **просты́ть**

простыня́ *ж* ҷойпуш, малофа

просты́||ть *сов. прост.* 1. хунук (сард) шудан; **обе́д ～л** авқот хунук шуд // *перен.* дилсард (дилхунук) шудан, дилмонда шудан 2. *(простудиться)* шамол хӯрдан (кашидан), хунук (сармо) хӯрдан, зуком шудан ◇ **его́ и след ～л** асараш ҳам намонд; на паю, на Ҳайдар

просу́нуть *сов. что* тиққондан, халондан, даровардан, дарун кардан; ～ **ру́ку в щель** даст ба роғ тиққондан

просу́ну||ться *сов.* тиққида даромадан (баромадан, гузаштан); **в дверь ～лась чья́-то голова́** аз дар сари касе намоён шуд, аз дар касе сар халонд

просу́шивание *с* (*по знач. гл.* **просуши́ть** 1) хушкондан(и), хушк (қоқ) кардан(и)

просу́шивать *несов. см.* **просуши́ть** 1

просу́шиваться *несов.* 1. *см.* **просуши́ться**; 2. *страд.* хушк карда шудан

просуши́ть *сов. что* 1. хушкондан, хушк (қоқ) кардан; ～ **оде́жду** либосро хушк кардан 2. муддате хушкондан (хушк кардан)

просуши́ться *сов.* хушкидан, хушк (қоқ) шудан

просу́шка *ж разг. см.* **просу́шивание**

просуществова́||ть *сов.* 1. зиндагонӣ (зиндагӣ) кардан, умр ба сар бурдан, зистан, рӯз гузаронидан // *(прожить бесцельно)* беҳуда зиндагонӣ кардан, умр зоеъ гузарондан, беҳуда умр гузарондан 2. муддате давом кардан, чанде кор кардан, як муддат мавҷуд будан; **кружо́к самоде́ятельности ～л о́коло двух лет** маҳфили санъатдӯстон қариб ду сол кор кард

просфора́ *ж церк.* кулчаи (фатири) ибодат *(дар насрониён)*

просце́ниум *м театр.* пешпарда, пеши саҳна

просчёт *м* 1. (*по знач. гл.* **просчита́ть** 1) шумурдан(и), ҳисоб кардан(и) 2. *(ошибка в счёте)* иштибоҳи ҳисоб, ҳисоби ғалат, ҳисобу китоби нодуруст; ～ **в плани́ровании** иштибоҳи нақшакашӣ 3. *(промах)* саҳв, ғалат, хато; **иде́йный** ～ ғалати ғоявӣ; **вы́явить** ～ саҳвро пайдо кардан

просчита́ть *сов. что и без доп.* 1. шумурдан, ҳисоб кардан; ～ **де́ньги** пулро шумурдан; ～ **до ста́** то сад шумурдан 2. *(ошибиться)* ғалат (саҳв) шумурдан, хато (нодуруст) ҳисоб кардан, саҳван зиёд додан, дар ҳисоб хато

карда зиёд додан 3. муддате ҳисоб кардан (шумурдан)

просчита́ться *сов.* 1. ғалат (саҳв) шумурдан, дар ҳисоб саҳв кардан, хато ҳисоб карда зиёд пул додан, саҳван зиёд додан 2. *(ошибиться в предположениях)* дар тахмини худ хато кардан, нодуруст тахмин кардан

просчи́тывать *несов. см.* **просчита́ть** 1,2

просчи́тываться *несов.* 1. *см.* **просчита́ться**; 2. *страд.* шумурда шудан

про́сып *м:* **без ~у** *разг.* 1) бедор нашуда; **спать без ~у** бедор нашуда хобидан 2) хушьёр нашуда, ба худ наомада, масту аласт; **пья́нствовать без ~у** хушьёр нашуда нушидан, шабу рӯз нӯшонушӣ кардан

просы́пать *сов. что* резондан, чошондан, пошондан, пош додан, пошидан; **~ зерно́ на зе́млю** ғалларо руи замин резондан

просыпа́ть I *несов. см.* **проспа́ть**

просыпа́ть II *несов. см.* **просы́пать**

просы́па||ться *сов.* рехтан, пош (чош) хӯрдан, пошида (пош дода, пошонда) шудан; **мука́ ~лась на́ пол** орд ба рӯи пол пош хурд

просыпа́ться I *несов. см.* **просну́ться**

просыпа́ться II *несов.* 1. *см.* **просы́паться**; 2. *страд.* резонда шудан

просыха́ние *с (по знач. гл.* **просо́хнуть**) хушк (қоқ) шудан(и), хушкидан(и)

просыха́ть *несов. см.* **просо́хнуть**

про́сьб||а *ж* 1. хоҳиш, дархост, илтимос, пурсиш; **обрати́ться к кому́-л. с ~ой** ба касе бо илтимос муроҷиат кардан, касеро илтимос кардан; **удовлетвори́ть чью-л. ~у** илтимоси касеро иҷро кардан; **~а не кури́ть** илтимос, тамоку накашед 2. *уст. (прошение)* ариза, илтимоснома

прося́нка *ж зоол.* арзанхӯрак, арзанчинак *(паррандаи хушхони даштӣ)*

просян||о́й, -а́я, -о́е арзанӣ, ...и арзан; **~о́е зерно́** донаи арзан; **~о́е по́ле** киштзори арзан, замини арзанкорӣ; **~а́я ка́ша** шулаи арзанӣ, арзаншӯла

прося́щий, -ая, -ее 1. *прич.* хоҳишкунанда, илтимоскунанда 2. *прил.* хоҳишманд, илтимосомез, илтиҷоомез; **~ го́лос** овози илтимосомез; **~ взгляд** нигоҳи илтиҷоомез

прота́ивать *несов. см.* **прота́ять**

протали́на *ж* ҷои барфаш обшуда, ҷои яхаш обшуда

прота́линка *ж уменьш. к* **прота́лина**

прота́лкивать *несов. см.* **протолка́ть** *и* **протолкну́ть**

прота́лкиваться *несов.* 1. *см.* **протолка́ться** 1; 2. *страд.* тела дода дароварда шудан

протанцева́ть *сов.* 1. *что* рақсидан, рақс кардан, арғушт рафтан; **~ вальс** вальс рақсидан 2. *что и без доп.* муддате рақсидан, чанде рақс кардан

прота́пливать *несов. что и без доп.* каме гарм кардан, гоҳ-гоҳ олав (оташ) мондан

прота́пливаться *несов.* 1. каме гарм кардан, гоҳ-гоҳ олав мондан 2. *страд.* каме тафсонда шудан

прота́птывать *несов. см.* **протопта́ть**

прота́птываться *несов.* 1. *см.* **протопта́ться** 1, 2; 2. *страд.* суда карда шудан

протара́нивать *несов. см.* **протара́нить**

протара́нить *сов. что воен.* таран кардан

протарато́рить *сов.* 1. *что и без доп.* бидиррос задан, тез-тез гап задан, бидиррос зада гуфтан 2. муддате бидиррос задан, чанде тез-тез гап задан

протаска́ть *сов. разг.* 1. *кого-что* муддате бардошта гаштан, як муддат ҳамроҳ (бо худ) гирифта гаштан, чанде кашондан; **весь день ~ ребёнка на рука́х** тамоми руз кудакро ба даст гирифта гаштан 2. *что* муддате пӯшидан (пушида гаштан); **~ ту́фли всё ле́то** туфлиро тобистони дароз пӯшида гаштан (пушидан)

протаска́ться *сов. прост.* муддате гаштан (роҳ рафтан), чанде саёқ-саёқ гаштан, як муддат бекор (беҳуда) гаштан

прота́скивать *несов. см.* **протащи́ть**

прота́скиваться *несов.* 1. *см.* **протащи́ться**; 2. *страд.* кашонда шудан

протача́ть *сов. что* 1. духтан; **~ сапоги́** муза духтан 2. муддате духтан

прота́чивать I *несов. см.* **протача́ть** 1

прота́чивать II *несов. см.* **проточи́ть** 1—3

протащи́||ть *сов.* 1. *кого-что* кашола карда овардан (бурдан), кашолакунон овардан (бурдан), кашондан; **~ть мешо́к по земле́** чуволро аз замин кашолакунон бурдан // *(пронести на себе)* бардошта овардан (бурдан), пуштора кардан, дар пушт бурдан, пушторакунон овардан (бурдан) 2. *кого-что (через что-л.)* кашола карда (кашолакунон) гузаронданд; **стол с трудо́м ~ли в дверь** мизро бо азобе аз дар кашола карда гузарондан 3. *кого-что перен. разг.* гузарондан, маъкул кунондан 4. *кого-что перен. разг.* танқид кардан, мазаммат (сарзаниш) кардан

протащи́ться *сов. разг.* кашола шуда рафтан, кашола шуда гузаштан, оҳиста гашта гузаштан

протая́||ть *сов.* 1. об шудан; **снег ~л до земли́** барф тамоман об шуд; **земля́ ~ла** яхи замин об шуд 2. *что* об кунондан (кардан); **со́лнце ~ло тропи́нку** офтоб барфи пайраҳачаро об кард

протеже́ *м, ж нескл. книжн.* ҳомиталаб, ҳомидор, пуштибондор

протежи́ровать *несов. кому-чему книжн.* дастгирӣ (ҳимоя) кардан, ҳомигӣ (тавсия) кардан, тарафгирӣ (пуштибонӣ) кардан

проте́з *м* протез, узви сунъӣ (ориятӣ); **зубны́е ~ы** протезҳои дандон

протези́рование *с (по знач. гл.* **протези́ровать**) протез мондан(и), узви сунъӣ (ориятӣ) гузоштан(и)

протези́ровать *сов., несов. что* протез мондан, узви сунъӣ (ориятӣ) гузоштан; **~ но́гу** пои ориятӣ сохтан; **~ зу́бы** дандонҳои ориятӣ шинондан

протези́ст *м* протезист *(мутахассиси узвҳои сунъикунанда)*

проте́зн||ый, -ая, -ое ... и протез, ...и узвҳои сунъӣ; **~ая мастерска́я** корхонаи протез

протеи́ды *мн. (ед.* **протеи́д** *м) биохим.* протеидҳо *(сафедиҳои мураккаб)*

протеи́ны *мн. (ед.* **протеи́н** *м) биохим.* протеинҳо *(сафедиҳои номураккаб)*

протека́ние *с (по знач. гл.* **протече́ь** 2, 3, 5) заҳида (таровида) даромадан(и), гузаштан(и); чакидан(и); **~ воды́ в ло́дку** заҳида даромадани об ба заврақ; **~ кры́ши** чакидани бом; **~ боле́зни** гузаштани касалӣ

протека́||ть *несов. см.* **проте́чь**; **в трёх киломе́трах от го́рода ~ет река́** дар масофаи се километр аз шаҳр дур дарьё ҷорӣ мешавад (мегузарад)

проте́ктор *м* 1. *уст. книжн.* ҳомӣ, сарпараст, ҳимоятгар, пуштибон 2. *тех.* протектор *(дандонаҳои шина)*

протектора́т *м* протекторат (1. *як тарзи дар таҳти асорат нигоҳ доштани халқҳои мустамлика аз тарафи истисморкунандагон* 2. *давлат ва ё территорияе, ки дар таҳти васояти дигар давлати истисморкунанда мебошад)*

проте́кторн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и протектор, протекторӣ; **~ая рези́на** резинаи протекторӣ

протекциони́зм *м* 1. *эк.* протекционизм *(дар мамлакатҳои хориҷӣ — ҳимоят кардани хоҷагии қишлоқ ва саноати худ ба воситаи боҷи гарон гирифтан аз молҳои аз хориҷа овардашаванда)* 2. *уст. разг.* ошнобозӣ, ҷӯрабозӣ

протекциони́ст *м* протекционист, тарафдори протекционизм

протекциони́стск||ий, -ая, -ое ...и протекционизм; ...и протекционист; **~ая поли́тика** сиёсати протекционистӣ

проте́кция *ж* ҳимоят, ҳимоятгарӣ, тарафгирӣ

протелеграфи́ровать *сов. что и без доп.* телеграф кардан, телеграмма фиристодан, бо телеграф хабар додан

протелефони́ровать *сов. что и без доп.* ба воситаи телефон гуфтан (маълум кардан)

протере́ть *сов. что* 1. суда (фит) кардан, хурда кардан, совида шикоф (сурох) кардан, молида сурох кардан; **~ бума́гу рези́нкой** бо резинка молида коғазро сурох кардан; **~ ло́кти до дыр** оринҷи остинҳоро фит кардан 2. молида тоза (пок) кардан; **~ о́кна** тирезаҳоро пок кардан 3. совида (соида) гузарондан, тарошидан; **~ морко́вь** сабзиро тарошидан ◇ **~ глаза** *прост.* бедор шудан, аз хоб хестан; **~ с песко́м (песо́чком)** *кого прост* сахт сарзаниш (маломат) кардан, коҳиш (накуҳиш) кардан, танбеҳ додан

протере́ться *сов.* 1. суда (фит) шудан, хӯрда шудан, соида сурох (шикоф) шудан; **ло́кти протёрлись** оринҷи остинҳо хурда шуд 2. *прост. (протиснуться)* тела дода гузаштан, тиққида (бо азоб) аз ҷое гузаштан (ба ҷое даромадан), бо фишор гузаштан

протерозо́й *м см.* **протерозо́йский** (**протерозо́йская э́ра**)

протерозо́йск||ий: ~**ая э́ра** давраи протерозой (*давраи кадими таърихи геологии Замин*)

протерпе́ть *сов. что и без доп.* муддате тоқат (бардошт) кардан, чанде тоб (тоқат) овардан, як муддат сабру бардошт кардан

протёрт||ый, -ая, -ое *прич., прил.* совидашуда, тарошидашуда; ~**ые о́вощи** сабзавоти тарошидашуда

протёс *м* 1. (*по знач. гл.* **протеса́ть** 1) ранда кардан(и), тарошидан(и) 2. чӯби рандашуда

протеса́ть *сов.* 1. *что* ранда кардан, тарошидан; ~ **бревно́** ғӯларо ранда кардан, чӯбро тарошидан 2. *что и без доп.* муддате ранда кардан (тарошидан)

проте́ст *м* 1. эътироз, норизоӣ, эътирознома; **заяви́ть** ~ эътироз баён кардан 2. *юр.* эътироз, протест; ~ **прокуро́ра** эътирози прокурор 3. *фин.* вохост (*тасдиқи расмии дода нашудани қарзи*); ~ **ве́кселя** вохости барот (вексель)

протеста́нт *м* 1. протестант (*пайрави протестантизм*) 2. *книжн.* эътирозкунанда, зид

протестанти́зм *м см.* **протеста́нтство**

протеста́нтск||ий, -ая, -ое протестанти, ...и протестант; ~**ая це́рковь** калисои протестантҳо

протеста́нтство *с* дини протестантҳо, протестантизм (*номи умумии мазҳабҳои насронӣ, ки дар асри 16 пас аз ислоҳот чун маҳсули эътироз аз католицизм ба вуҷуд омадаанд*)

протестова́ть 1. *несов. против чего* эътироз кардан, изҳори норизоӣ кардан, мукобил баромадан 2. *сов., несов. что фин.* вохост кардан, вохости барот (вексель) кардан

протёсывание *с см.* **протёс** 1

протёсывать *несов. см.* **протеса́ть** 1

проте́||чь *сов.* 1. равон будан (шудан), ҷорӣ будан (шудан), гузаштан (*оид ба дарьё, ҷӯй ва ғ.*) 2. заҳида (таровида) даромадан, гузаштан; **вода́** ~**кла́ в подва́л** об ба таҳхона заҳида даромад 3. чакидан, тешук (сурох) шудан; **кры́ша в двух места́х** ~**кла́** боми хона аз ду ҷояш чакид 4. *перен.* гузаштан; **незаме́тно** ~**кли́ дни ле́тнего о́тдыха** рӯзҳои истироҳати тобистонӣ номаълум гузаштанд; **боле́знь** ~**кла́ без осложне́ний** касалӣ бе оқибати бад гузашт

про́тив *предл. с род.* 1. (*напротив кого-чего-л.*) [дар] ру ба руи..., [дар] муқобили...; ~ **шко́лы располо́жен парк** дар ру ба руи мактаб боғе воқеъ аст; **сесть друг** ~ **дру́га** ру ба руи ҳамдигар нишастан; **сиде́ть** ~ **све́та** пушт ба равшанӣ карда нишастан; **поста́вить га́лочку** ~ **фами́лии студе́нта** дар пеши фамилияи студент ишорат кардан 2. (*навстречу*) [ба] муқобили..., [дар] хилофи..., [бар] зидди...; **плыть** ~ **тече́ния** ба мукобили ҷараён шино кардан // (*вопреки*) [бар] хилофи..., аз ғайри..., қатъи назар аз...; ~ **его́ ожида́ний** бар хилофи чашмдошти у; **поступа́ть** ~ **пра́вил** бар хилофи қоида рафтор кардан // (*враждебно*) зид, муқобил; **он настро́ен** ~ **меня́** вай ба ман зид аст 3. (*по сравнению*) аз... дида; ~ **про́шлого го́да** аз порсола дида 4. (*для борьбы с кем-чем-л.*) бар зидди..., муқобили...; **лека́рство** ~ **ревмати́зма** доруи гарбод; **сре́дство** ~ **мо́ли** доруи мита 5. *в знач. сказ.* зид (муқобил) аст; **кто** ~**?** кӣ зид?; **я совсе́м не** ~ ман ҳеҷ муқобил не ◇ **ничего́ не име́ть** ~ *чего* муқобил (мухолиф, зид) набудан

про́тивень *м* тобаи чоркунҷаи тунукагӣ

противи́тельный, -ая, -ое: ~ **сою́з** *грам.* пайвандаки хилофӣ

проти́виться *несов. кому-чему и без доп.* мухолифат (муқобилат, муқовимат) кардан, зиддият нишон додан, муқобил истодан; ~ **чьему́-л. жела́нию** ба хоҳиши касе мухолифат кардан

противле́ние *с уст. книжн.* мухолифат, муқобилат, муқовимат, зиддият

проти́вник *м* 1. душман, хасм, ғаним; ~ **прогре́сса** душмани тараққиёт; **кла́ссовый** ~ душмани синфӣ; **полити́ческий** ~ душмани сиёсӣ // (*соперник*) ҳариф, рақиб; **победи́ть** ~**а в состяза́нии** дар мусобиқа аз болои ҳариф ғалаба кардан 2. *собир.* душман; **разби́ть** ~**а** душманро торумор кардан

проти́вница *женск. к* **проти́вник** 1

проти́вно I *предлог с дат. книжн.* [бар] хилофи..., [бар] акси..., [бар] зидди..., ба муқобили...; **поступа́ть** ~ **со́вести** бар хилофи виҷдон рафтор кардан

проти́вно II 1. *нареч.* ба таври нафратовар, нафратангез, танаффуровар; **э́то лека́рство** ~ **па́хнет** ин дору буи бад медиҳад (дорад) 2. *в знач. сказ. безл.* кареҳ аст, нафратангез (нафратовар) аст; **на него́** ~ **смотре́ть** ба афташ нигоҳ кардани кас намеояд, афту башарааш нафрати касро меорад

проти́вн||ый I, -ая, -ое *книжн.* 1. муқобил, мухолиф; ~**ый ве́тер** шамоли мухолиф; ~**ые сто́роны в суде́** тарафҳои муқобил дар мурофиа 2. зид, мухолиф; **он вы́сказал мне́ние,** ~**ое моему́** у фикри ба фикри ман зидро изҳор кард; ~**ый зако́ну** мухолифи қонун, зидди қонун 3. *в знач. сущ.* **проти́вное** *с* акс; **утвержда́ть** ~**ое** фикри аксро тасдиқ кардан; **доказа́тельство от** ~**ого** исботи акс ◇ **в** ~**ом слу́чае** вагарна, дар акси ҳол

проти́вный II, -ая, -ое (**проти́в|ен,** -на, -но) манфур, нафратовар, нафратангез, бад, кабеҳ, дилбеҷокунанда; ~ **за́пах** буи бад

противо= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои зерин:* 1) *зидди чизе будан, махсуси мубориза кардан ё ҳимоя кардан* — **противота́нковый** зиддитанкӣ 2) *мухолифи чизе будан* — **противообще́ственный** зиддиҷамъиятӣ, зиддиҷтимоӣ 3) *бар акси чизе будан* — **противозаконный** зиддиқонунӣ, мухолифи қонун

противоа́томн||ый, -ая, -ое зиддиатомӣ; ~**ая защи́та** муҳофизати зиддиатомӣ, муҳофиза аз атом

противоболев||о́й, -ая, -о́е *мед.* дардро сусткунанда (пасткунанда), дардро несткунанда, дардро рафъкунанда; ~**ы́е сре́дства** доруҳои дардро несткунанда

противобо́рство *с книжн.* мубориза, ҷанг, талош

противобо́рствовать *несов. кому-чему книжн.* мубориза (ҷанг) кардан, талош кардан, муқобилат кардан

противове́с *м* 1. *тех.* порсанг, мувозина, вазни муқобил, вазна 2. *перен.* [ҳодисаи] муқобили (акси, зидди) ягон чиз 3. *радио* сими заминӣ, сими ба замин гӯршуда (*барои антеннаи берунӣ*) ◇ **в** ~ **кому́-чему́-л.** бар акси (бар зидди) касе, чизе; дар муқобили касе, чизе

противовозду́шн||ый, -ая, -ое зиддиҳавоӣ; ~**ая оборо́на** мудофиаи зиддиҳавоӣ

противога́з *м* противогаз, ниқоби зидди газ

противога́зов||ый, -ая, -ое зидди газ; ~**ая ма́ска** ниқоби зидди газ

противогли́стн||ый, -ая, -ое *мед.* несткунандаи кирми меъда, зидди кирм; ~**ое сре́дство** давои кирми меъда

противогни́лостный, -ая, -ое аз пусиш нигоҳдоранда

противогриппо́зн||ый, -ая, -ое *мед.* зидди грипп; ~**ые сре́дства** доруҳои зидди грипп

противоде́йствие *с* мухолифат, муқобилат, муқовимат, зиддият, акси амал; ~ **сил** *физ.* аксуттаъсири қувваҳо; **оказа́ть** ~ мухолифат кардан

противоде́йствовать *несов. кому-чему* мухолифат (муқобилат, муқовимат) кардан, зиддият нишон додан

противодифтери́йн||ый, -ая, -ое *мед.* ...и зидди ханоқ; ~**ая сы́воротка** зардоби зидди ханоқ

противоесте́ственно *нареч.* ғайритабиӣ, хилофи табиат

противоесте́ственность *ж* хилофи табиат будан(и), ғайритабиӣ будан(и)

противоесте́ственный, -ая, -ое (противоесте́ствен, -на, -но) ...и хилофи табиат, ғайритабиӣ

противозако́нно *нареч.* зидди қонун, ғайриқонунӣ, хилофи қонун; **де́йствовать** ~ хилофи қонун амал кардан

противозако́нность *ж* ба қонун хилоф (мухолиф) будан(и), ғайриқонунӣ будан(и), бар зидди қонун будан(и)

противозако́нн||ый, -ая, -ое (противозако́н|ен, -на, -но) мухолифи (муқобили) қонун, ғайриқонунӣ, зиддиқонунӣ; ~**ые де́йствия** рафтори ғайриқонунӣ

противозача́точн||ый, -ая, -ое *мед.* пешгирикунандаи ҳомиладорӣ, зидди ҳомиладоршавӣ; ~**ые сре́дства** доруҳои пешгиркунандаи ҳомиладорӣ

противолежа́щ||ий, -ая, -ее муқобил, рӯ ба рӯ; ~**ая сторона** тарафи муқобил

противомалярийн||ый, -ая, -ое *мед.* зидди варача, зидди табларза; ~**ое средство** доруи зидди варача, давои варача

противообледенитель *м* яхногир (*таҷҳизоте, ки қисмҳои алоҳидаи самолетро дар вақти парвоз аз ях бастан муҳофизат мекунад*)

противообщественный, -ая, -ое зиддиҷамъиятӣ, муқобили ҷамъият, зидди ҷамъият

противопехотн||ый, -ая, -ое зидди аскари пиёда; ~**ые заграждения** монеаҳои зидди аскари пиёда

противопожарн||ый, -ая, -ое зидди сухтор, зидди сузиш, зидди оташ; ~**ые мероприятия** чораҳои зидди сухтор

противопоказание *с* 1. *юр.* баёноти (изҳороти) акс, баёноти зид 2. *мед.* аломати манъ (*ки зарарнок будани истеъмоли ягон дору ё муолиҷаро нишон медиҳад*)

противопоказанный, -ая, -ое (противопоказан, -а, -о) *мед.* мамнуъ, қадаған, ғайри қобили истеъмол

противополагать(ся) *несов. см.* **противопоставлять(ся)**

противоположение *с см.* **противопоставление**

противоположить *сов. см.* **противопоставить**

противоположност||ь *ж* 1. мухолифат, муқобилат, зиддият, мухолиф (муқобил) будан(и); ~**ь взглядов** мухолифати афкор; ~**ь интересов** муқобил будани манфиатҳо 2. акс, зид; **он полная ~ь своему другу** у тамоман акси дусташ аст ◊ *филос.* зид (*ашьё ва ё ҳодисае, ки мухолифи ҳамдигар мебошанд*); **борьба ~ей** муборизаи тазодҳо ◇ **в ~ь кому-чему-л.** бар хилофи (бар акси) касе, чизе

противоположн||ый, -ая, -ое (противополож|ен, -на, -но) 1. муқобил, рӯ ба рӯ; ~**ый берег реки** соҳили он тарафи дарьё; **наш дом на ~ой стороне улицы** хонаи мо дар тарафи муқобили кӯча аст 2. мухталиф, муқобил, мухолиф, зид, гуногун; ~**ое мнение** фикри муқобил; **у них совершенно ~ые характеры** онҳо табиатан гуногунанд, сирати онҳо тамоман мухталиф аст

противопоставить *сов. кого-что кому-чему* 1. муқоиса кардан; 2. муқобил гузоштан; ~ **добро злу** некиро ба бадӣ муқобил гузоштан

противопоставление *с* (*по знач. гл.* **противопоставить**) муқоиса, муқоиса кардан(и), муқобилгузорӣ

противопоставлять *несов. см.* **противопоставить**

противопоставляться *несов. страд.* муқобил гузошта шудан

противоправительственный, -ая, -ое зиддиҳукуматӣ

противоречиво *нареч.* боихтилоф мухталифона, мутақобилона

противоречивость *ж* ихтилоф (мухталиф, зид) будан(и)

противоречив||ый, -ая, -ое (противоречив, -а, -о) мухолиф, мухталиф, ихтилофнок, зидди (муқобили) якдигар; ~**ые показания свидетелей** шаҳодатҳои ихтилофноки шоҳидон

противоречи||е *с* 1. мухолифат, ихтилоф, зиддият; номуносибӣ, номувофиқӣ, номутобиқи; **впасть в ~е** дар ихтилоф мондан, дар як гап наистодан; **находиться в ~и с чем-л.** мухолифи чизе будан 2. *чаще мн.* **противоречия** *филос.* ихтилофот, мухолифот, зиддият; **внутренние ~я** зиддиятҳои дохилӣ; **классовые ~я** мухолифоти синфӣ 3. эътироз, мухолифат; **не терпеть ~й** ба эътироз тоқат надоштан

противоречи||ть *несов. кому-чему* 1. эътироз кардан, мухолифат кардан, розӣ нашудан, қабул накардан; **он ему ни в чём не ~т** у ба вай ҳеҷ мухолифат намекунад 2. мухолиф будан, хилофи чизе будан; ~**ить действительности** хилофи ҳақиқат будан; **эти сведения ~ат друг другу** ин маълумот мухолифи якдигаранд

противостолбнячн||ый, -ая, -ое *мед.* зиддикузозӣ; ~**ая сыворотка** зардоби зиддикузозӣ

противостояние *с астр.* муқобала

противосто||ть *несов. кому-чему* 1. *уст.* дар тарафи муқобил истодан, ру ба ру истодан 2. (*сопротивляться*) муқобилат (мухолифат) кардан, муқобилат нишон додан 3. муқобил (мухолиф, зид) будан; **этому мнению ~ло другое** муқобили ин фикр фикри дигаре вуҷуд дошт

противотанков||ый, -ая, -ое зиддитанкӣ, танкзан, танкшикан; ~**ое ружьё** милтиқи танкзан; ~**ый ров** хандақи зидди танк

противотифозный, -ая, -ое *мед.* зидди тиф

противотуберкулёзный, -ая, -ое *мед.* зидди [касалии] сил

противохимическ||ий, -ая, -ое зиддихимиявӣ, зидди химия; ~**ая защита** мудофиаи зидди ҳуҷуми химиявӣ

противоцинготный, -ая, -ое *мед.* зидди аскарбут, муқобили [касалии]цинга, муқобили зангила; ~ **экстракт** дармони муқобили [касалии] зангила

противочумный, -ая, -ое зидди тоун (вабо), аз тоун (аз вабо) муҳофизакунанда

противоядие *с мед.* давои зидди заҳр, подзаҳр *перен.* чора, илоҷ

протирание *с* (*по знач. гл.* **протереть**) молида сурох кардан(и); молида тоза кардан(и); тарошидан(и); ~ **окон** тоза кардани тирезаҳо; ~ **моркови** тарошидани сабзӣ

протирать *несов. см.* **протереть**

протираться *несов.* 1. *см.* **протереться**; 2. *страд.* молида тоза карда шудан

протирка *ж* 1. (*по знач. гл.* **протереть** 2, 3) пок кардан(и); гузарондан(и), тарошидан(и) 2. латта, малофа (*барои тоза кардан ва ё равған молидани аслиҳаи оташфишон*)

протирочн||ый, -ая, -ое ...и тоза кардан(и). ...и тозакунӣ, ...и поккунӣ; ~**ая тряпка** латтаи тозакунӣ, тозакунак

протирщик *м* поккунанда, тозакунанда

протирщица *женск. к* **протирщик**

протискать *сов. кого-что разг.* тела-тела (тиққӣ-тиққӣ) карда даровардан тела дода даровардан, бо фишор даровардан

протискаться *сов. разг. см.* **протиснуться**

протискивать *несов. см.* **протиснуть** *и* **протискать**

протискиваться *несов.* 1. *см.* **протиснуться**; 2. *страд.* тела дода дароварда шудан

протиснуть *сов. кого-что* тела дода даровардан, зӯран даровардан (дохил кардан)

протиснуться *сов.* тела дода гузаштан, тиққида аз ҷое гузаштан (ба ҷое даромадан); **с трудом ~ в узкую дверь** бо азобе аз дари танг гузаштан

проткать *сов.* 1. *что* бофтан, бофта тайёр кардан; ~ **узор шёлком** бо абрешим гул бофтан, аз абрешим гул бофта тайёр кардан 2. *что и без доп.* муддате бофтан, чанде бофта тайёр кардан

проткнуть *сов. кого-что* халондан, халонда гузарондан, халонда сурох (шикоф), кардан; ~ **булавкой** бо сарсузан халондан

протле||ть *сов.* 1. тамоман пусидан, гандидан, фосид шудан, хароб шудан; **кожа ~ла от сырости** чарм аз намӣ тамоман пусид 2. (*догореть*) тамоман сухтан, сухта тамом шудан, сухта хокистар шудан, то охир сухтан

прото= *қисми аввали калимаҳои муракқаб ба маъноҳои зерин:* 1) «*аввала*», «*нахустин*», «*ибтидоӣ*» — **прототип** тимсол 2) «*асосӣ*», «*сар*», «*олӣ*» — **протодьякон** сардьякон

протобестия *ж уст. разг.* фиребгари гузаро, қаллоб, шайтон

протодьякон *м* сардьякон

протоиерей *м* саркашиш, сарруҳонӣ

протоисторическ||ий, -ая, -ое *книжн.* пешазтаърихӣ, ...и пеш аз таърих, ...и аз таърих муқаддам; ~**ие времена** давраҳои пеш аз таърих

протоистория *ж книжн.* давраи пеш аз таърих, давраи аз таърих муқаддам

проток *м* 1. (*реки*) шохоб, наҳр, маҷро 2. *анат.* ной; **жёлчный ~** нои заҳра

протока *ж см.* **проток** 1

протокол *м в разн. знач.* протокол; ~ **собрания** протоколи маҷлис, сурати маҷлис; ~ **допроса** протоколи тафтиш; **составить ~ на кого-л.** аз болои касе арзи воқеа навиштан

протоколизм *м книжн.* протоколизм, услуби протоколи

протоколирование *с* (*по знач. гл.* **протоколировать**) протокол навиштан(и)

протоколировать *сов., несов. что книжн.* 1. протокол навиштан (тартиб додан); ~ **заседание** протоколи маҷлисро тартиб додан 2. (*описать точно и кратко*) бо сабки протокол ҳарф ба ҳарф (айнан) навиштан

протоколироваться *несов. страд.* протокол навишта шудан

протоколист *м уст.* протоколнавис

протокольный, -ая, -ое ...и протокол // *(точный и краткий)* ...и протокол, ҳарф ба ҳарф, айнан баёншуда; ~ **стиль** услуби протокол ◇ ~ **отдел** шуъбаи протокол (ташрифот)

протолкать *сов. кого-что разг.* тела-тела дода даровардан (гузарондан), тиққӣ-тиққӣ карда даровардан (баровардан), бо фишор андохтан (тиққондан)

протолка||ться *сов.* 1. *разг.* тела-тела (тиққӣ-тиққӣ) карда гузаштан; **он еле ~лся к выходу** у ба зур тела-тела карда аз дар баромад 2. *прост.* муддате оворагардӣ (кучагардӣ) кардан, чанде сарсарӣ (овора) гаштан, як муддат беҳуда (саёқ-саёқ) гаштан; **он весь день ~лся на улице** у тамоми руз дар куча оворагардӣ кард, у рузи дароз кӯча ба куча гашт

протолкнуть *сов.* 1. *кого-что* тиққондан, тела дода даровардан (гузарондан); ~ **пробку в бутылку** пукро бо зур ба даруни шиша даровардан 2. *что перен. разг.* тезондан, ҷунбондан, пеш равондан; ~ **дело** корро тезондан, корро пеш бурдан (равондан)

протолкнуться *сов. см.* **протолкаться** 1

протолковать *сов. разг.* муддате сӯҳбат (чақ-чақ) кардан, чанде гуфтугӯ кардан

протомить *сов.* 1. *кого* муддате азоб додан (озурдан) 2. *что* муддате дам карда (буғ дода) пухтан, чанде дам кардан, як муддат буғ (бухор) додан; ~ **овощи** сабзавотро муддате буғ дода пухтан

протомиться *сов.* 1. муддате азоб (озор, ташвиш) кашидан, чанде дар ташвиш мондан (афтидан) 2. *(о пище)* муддате дам (буғ, бухор) хӯрдан

протон *м физ.* протон *(зарраи устувори содда аз ҷумлаи барионҳо)*

протопать *сов. разг.* 1. пой куфта гузаштан (рафтан), пойкубӣ карда давидан 2. муддате пой куфтан (пойкубӣ кардан), чанде бо пой тап-тап кардан

протопить I *сов.* 1. *что* тафсондан, гарм кардан, алав мондан (кардан); ~ **печь** печьро тафсондан (алав кардан) 2. *что и без доп.* муддате тафсондан (гарм кардан)

протопить II *сов. что* 1. об кардан, доғ кардан *(равғанро)* 2. муддате об кардан, чанде доғ кардан *(равғанро)*

протопи||ться *сов.* 1. тафсидан, гарм шудан, алав гирифтан; **печь хорошо ~лась** печь нағз тафсид 2. *(кончить топиться)* сухта шудан, сухта тамом шудан *(оид ба сузишворӣ)*

протоплазма *ж биол.* протоплазма *(моддаи асосии ҳуҷайраи организми ҳайвонот ва наботот)*

протопоп *м уст. см.* **протоиерей**

протоптать *сов. что* 1. бо рафтуомади бисьёр роҳ кардан, аз рафтуомад охурча кардан; ~ **тропинку** бо рафтуомади бисьёр пайраҳача кардан 2. *разг.* суда (фит) кардан; таги по карда хӯрда кардан; ~ **ковёр** гилемро таги по карда хурда кардан; ~ **подмётки** тагчарми пойафзолро сӯрох кардан

протопта||ться *сов. разг.* 1. бо рафтуомади бисьёр роҳ бароварда шудан, аз рафтуомади зиёд охурча шудан 2. суда (фит) шудан, хурда (сурох) шудан; **ботинки ~лись** ботинка хурда шуд

проторговать *сов.* 1. *что и без доп. разг.* аз савдо зарар дидан; ~ **сто рублей** аз савдо сад сум зарар дидан 2. *чем и без доп.* муддате савдо (харидуфуруш) кардан, чанде савдогарӣ кардан; ~ **целый день** рузи дароз савдо кардан

проторговаться *сов. разг.* 1. аз савдо зарар дидан; аз савдогарӣ варшикастан 2. муддате дар савдо талош кардан

проторговывать(ся) *несов. см.* **проторговать(ся)** 1

проторённ||ый -ая, -ое 1. *прич.* кушодашуда, пахш кардашуда 2. *прил.* кушода, лагадмолшуда, охурчашуда *(оид ба роҳ)* // *перен.* осон, оддӣ, одатӣ, маъмулӣ; **по ~ой дорожке идти** бо роҳи оддӣ рафтан

протори *тк. мн. уст. (издержки)* харҷ, харочот

проторить *сов. что* кушодан, пахш кардан, роҳ кардан, лагадмол кардан; ~ **дорожку** роҳ кушодан

проторчать *сов. прост.* муддате дар ҷое будан (истодан), чанде мондан

проторять *несов. см.* **проторить**

прототип *м лит.* прототип, тимсол

проточина *ж* 1. *разг. (червоточина)* сурох, шикоф, тарқиш, ҷои кирмхурда 2. *(скважина)* оббурда, ҷои обшута, сурохии обкофта 3. *обл. (проток)* шохоб, наҳр, маҷро 4. *(у лошадей, собак)* қашқа, хол

проточи||ть *сов. что* 1. хурда (хоида-хоида) сурох кардан; **жучок ~л полку** гамбуск рафчаро хоида сурох кард 2. *тех.* тарошидан, тарошида сурох (шикоф) кардан 3. *(промыть скважину)* таровида-таровида (заҳида-заҳида) сурох (вайрон) кардан 4. *тж. без доп.* муддате тарошидан, чанде тарошида сурох (шикоф) кардан

проточка *ж (по знач. гл.* **проточить** 2) тарошидан(и), тарошида сурох (шикоф) кардан(и)

проточн||ый -ая, -ое 1. ҷорӣ, равон; **~ая вода** оби равон; **~ый пруд** хавзи обаш равон 2. *тех.* обгузар, буғгузар; **~ая часть турбины** қисми обгузари турбина

протрава *ж* 1. *(по знач. гл.* **протравить** 1—3) тезобдиҳӣ; дорузанӣ 2. *полигр.* рангсобиткунӣ, кандакорӣ бо тезоб

протравитель *м с.-х.* 1. доруи тухмӣ (ғалла) тозакунанда 2. мошини дорузанӣ *(барои тоза кардани тухми ва ғалла)*

протравить *сов.* 1. *что* бо тезоб сузондан (баровардан, хурда кардан), кандакорӣ кардан, тезоб додан; ~ **узор на металле** дар руи металл бо тезоб нақш баровардан 2. *что* бо тезоб кор кардан, бо тезоб пардоз додан, тезоб додан; ~ **ткань** маторо тезоб додан 3. *что с.-х.* дору задан (пошидан), безарар кардан; ~ **семена** тухмиро бо дору тоза кардан, тухмиро дору задан 4. *кого разг.* гурезондан, аз даст додан *(сайдро)*; ~ **зайца** заргушро гурезондан

протравка *ж см.* **протрава** 1

протравление *с см.* **протрава** 1

протравливание *с см.* **протрава** 1

протравливатель *м см.* **протравитель**

протравливать *несов. см.* **протравить** 1—3

протравливаться *несов. страд.* тезоб дода шудан

протравливающ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* тезобдиҳанда; безараркунанда, тозакунанда; **~ие вещества** моддаҳои тезобдиҳанда

протравлять(ся) *несов. см.* **протравливать(ся)**

протравной, -ая, -ое ...и тезоб

протравочн||ый, -ая, -ое ...и тезобдиҳӣ; ...и дорузанӣ; **~ые машины** мошинҳои дорузанӣ

протравщик *м* тезобдиҳанда; кандакор; дорузан

протраливать *несов. см.* **протралить**

протралить *сов. что мор.* минаҳон зериобиро бо трал (бо тӯр) дошта гирифтан; ~ **залив** минаҳои зериобии халиҷро бо трал дошта гирифтан

протранжирить *сов. что разг.* бар бод додан, беҳуда равондан, каттахарҷӣ кардан

протратить *сов. что разг.* сарф (харҷ) кардан, несту нобуд кардан

протратиться *сов. разг.* пули худро сарф кардан, бепул мондан

протрезветь *сов. разг. см.* **протрезвиться**

протрезвить *сов. кого-что* ҳушьёр кардан, ба худ (ба ҳуш) овардан

протрезвиться *сов.* ҳушьёр шудан, ба худ (ба ҳуш) омадан

протрезвление *с (по знач. гл.* **протрезвить**) ҳушьёр кардан(и), ба худ (ба ҳуш) овардан(и); *(по знач. гл.* **протрезвиться**) ҳушьёр шудан(и), ба худ (ба ҳуш) омадан(и)

протрезвлять *несов. см.* **протрезвить**

протрезвляться *несов.* 1. *см.* **протрезвиться**; 2. *страд.* ҳушьёр карда шудан

протрещать *сов.* 1. қарс-қурс (қирс-қирс, чир-чир) кардан, қарсос (қирсос, чиррос) задан 2. *что и без доп. разг.* тез-тез (бо шитоб) гап задан 3. муддате қарс-қурс (чир-чир) кардан

протруби||ть *сов.* 1. шайпур навохтан (задан), карнай навохтан (задан); овоз баровардан; **~ть в рог** шайпур задан, буқ задан; **~ли трубы** шайпурҳо овоз бароварданд, овози шайпурҳо баланд шуд // *(издать громкие звуки)* садо додан, овоз баровардан; **в лесу ~л лось** дар беша садои гавазн баланд шуд 2. *что* бонг задан, шайпур задан; **~ть тревогу** бонги хатар задан 3. *о ком-чём разг.* ҷор задан, овоза [паҳн] кардан 4. *что и без доп.* муддате шайпур навохтан (задан); **он целый день ~л один мотив** ӯ тамоми руз як

оҳангро навохт 5. *прост.* (*проработать*) муддати дароз ягон кори дилгиркунанда (дилбазан) кардан ◇ ~ть [все] уши *кому* гушро ба қиёмат овардан, безор кардан, ба дил задан

протруди́ться *сов.* муддате кор кардан, чанде меҳнат кардан, як муддат заҳмат кашидан

протруси́ть I *сов. что прост.* резондан, рехтан, чошондан, пошондан; ~ **муку́ на зе́млю** ордро ба замин резондан

протруси́ть II *сов. разг.* (*пробежать, проехать*) лук-луккунон гузаштан, луккасзанон рафтан

протруси́ться *сов. прост.* (*просыпаться мимо*) рехтан, чош (пош) хурдан

протряс||ти́ *сов. разг.* 1. *безл. кого* ҷунбондан, бардорузан кардан, такон додан; **его́ ~ло́ в доро́ге** бардорузани роҳ уро хаста кард 2. *кого-что* муддате ҷунбондан; муддате афшондан; **лихора́дка ~ла́ его́** вараҷа уро хуб ларзонд

протрясти́сь *сов. разг.* 1. муддате лук-луккунон роҳ рафтан, дучори бардорузан шудан, як муддат такон хурдан; ~ **в теле́ге всю доро́гу** тамоми роҳ аз бардорузани ароба лакот шудан 2. *прост.* (*проголодаться*) гушна мондан (*аз роҳи дуру дароз*)

протря́хивать *несов. см.* **протряхну́ть**

протряхну́ть *сов. что разг.* афшонда тоза кардан, афшондан, такондан; ~ **ковёр** гилемро афшондан

протубера́нец *м астр.* протуберанец, забонаи Офтоб

протуха́ть *несов. см.* **протýхнуть**

протýхлый, -ая, -ое *разг. см.* **протýхший** 2

протýх||нуть *сов.* бӯй гирифтан, бадбӯй (бугин) шудан, буйнок шудан, гандидан, палағда шудан; **мя́со ~ло** гушт бӯй овард, гушт буйнок шудааст

протýхш||ий -ая, -ее 1. *прич.* бадбуйшуда, палағдашуда 2. *прил.* бадбӯй, буйнок, гандида, палағда; ~**ее яйцо́** тухми палағда

протыка́ть *несов. см.* **проткну́ть**

протявка́ть *сов.* 1. аккос задан, ак-ак (вак-вак, ав-ав) кардан 2. муддате аккос задан, чанде ак-ак (вак-вак) кардан

протя́гивание *с* (*по знач. гл.* **протяну́ть** 1—5, 10) кашидан(и), дароз кардан(и); (*по знач. гл.* **протяну́ться** 1) дароз шудан(и)

протя́гива||ть *несов. см.* **протяну́ть** ◇ **по одёжке ~й но́жки** *погов.* ба курпаат нигоҳ карда по дароз кун

протя́гиваться *несов.* 1. *см.* **протяну́ться**; 2. *страд.* кашида шудан

протяже́ни||е *с* дарозӣ, масофат, тӯл; **на ~и десяти́ киломе́тров** дар масофати даҳ километр ◇ **на ~и** *чего* дар муддати..., дар зарфи...; **на ~и го́да** дар муддати як сол

протяжённость *ж* дарозӣ, масофат, тул; ~ **уча́стка** дарозии майдон, қадди замин

протя́жно *нареч.* кашол дода, мад кашида, тул дода, хоида-хоида; **говори́ть ~** мад кашида гап задан, хоида-хоида сухан гуфтан

протя́жность *ж* кашол будан(и), дуру дароз будан(и); ~ **пе́ния** дурударозии сурудхонӣ

протяжи||ый -ая, -ое (протя́ж|ен, -на, -но) кашол, дароз. дуру дароз, тулонӣ, кашолдор; ~**ое пе́ние** сурудхонии дуру дароз, ғазалхонии тулонӣ

протяну́ть *сов.* 1. *что* кашидан, дароз кардан, тул додан, кашол додан (кардан); ~ **верёвку че́рез двор** арғамчинро ба руи ҳавлӣ кашидан; ~ **телефо́нную ли́нию** сими телефон кашидан 2. *что* дароз кардан, бурдан; ~ **ру́ку** даст дароз кардан, даст бурдан 3. *кого-что* (*подать*) дароз кардан, додан, бардошта (гирифта) додан; **он протяну́л мне свою́ тетра́дь** вай ба ман дафтарашро дод (дароз кард) 4. *что тех.* сим кашидан, мафтул сохтан; ~ **про́волоку** симро кашида баровардан 5. *что разг.* (*протащить, продвинуть*) кашола карда овардан (бурдан), ба пеш тела додан (овардан), ба пеш ҷунбондан (ҳаракат кунондан) 6. *что* дуру дароз кашидан; ~ **но́ту** нотаро кашидан // (*произнести протяжно*) мад кашида (хоида-хоида) гуфтан 7. *что разг.* кашол додан, ба таъхир андохтан, тул додан, дер мондан, гузарондан; ~ **вре́мя** вақтро гузарондан; ~ **де́ло** корро кашол додан, корро тул додан 8. *что и без доп. разг.* умр дидан, зинда мондан; **больно́й до́лго не протя́нет** бемор бисьёр умр намебинад 9. *охот.* (*о птицах*) парида гузаштан, парвоз карда гузаштан 10. *кого прост.* задан, шаллоқ (шатта) задан ◇ ~ **но́ги** *прост.* пой ба қибла шудан, мурдан; ~ **ру́ку** [**по́мощи**] *кому* дасти ёрӣ дароз кардан

протяну́||ться *сов.* 1. дароз шудан; **к нему́ ~лись чьи-то ру́ки** ба суи вай дастҳои касе дароз шуд 2. *разг.* кашида (дароз) шудан; тул ёфтан; **доро́га ~лась на со́тни киломе́тров** роҳ садҳо километр тул ёфт 3. *разг.* (*лечь*) дароз кашидан, ёзидан 4. *разг.* (*продлиться*) тӯл кашидан, кашол шудан, давом кардан

проу́лок *м прост.* паскуча, тангкуча

проурча́ть *сов.* ғур-ғур (ғулдур-ғулдур) кардан, ғурридан

проутю́жить *сов. что* утти кардан, дарзмол кардан; ~ **скла́дки на пла́тье** чинҳои куртаро уттӣ кардан

проу́чивать *несов. см.* **проучи́ть** 1

проучи́||ть *сов.* 1. *кого разг.* ҷазо додан, адаб додан, танбеҳ (гушмол) додан, боб кардан; ~**ть шалуна́** бачаи шухро ҷазо додан 2. *что* муддате хондан (омухтан), чанде ёд гирифтан; **он весь ве́чер ~л уро́ки** вай тамоми бегоҳирузӣ дарс тайёр кард

проучи́||ться *сов.* муддате хондан (дарс хондан), чанде таҳсил кардан; **в э́той шко́ле он ~лся пять лет** вай дар ин мактаб панҷ сол таҳсил кард

проу́шина *ж* сурох, сурохӣ

проф: *қисми аввали калимаҳои мураккаб бо маънои зерин:* 1) «*касбӣ, ...и касб*» — **профобуче́ние** таълими касбу ҳунар 2) «*...и* [*ташкилоти*] *иттифоқи касаба*» — **профсобра́ние** маҷлиси иттифоқи касаба

профа́н *м* ҷоҳил, нодон, бехабар; **он ~ в му́зыке** вай аз мусиқӣ бехабар аст

профана́ция *ж книжн.* таҳқир. беэҳтиромӣ, таҳриф

профани́ровать *сов., несов. что книжн.* таҳқир кардан, хорузор кардан, таҳриф (беэҳтиромӣ) кардан

профаши́ст *м* тарафдори фашизм. ҳимоятгари фашизм

профаши́стск||ий -ая, -ое ...и тарафдори фашизм, ...и ҳимоятгари фашизм: ~**ая организа́ция** ташкилоти тарафдорони фашизм

профбиле́т *м* билети [ташкилоти] иттифоқи касаба

профбюро́ *с нескл.* бюрои [ташкилоти] иттифоқи касаба

профгрупо́рг *м* ташкилотчии гурӯҳи иттифоқи касаба

профгру́ппа *ж* гуруҳи иттифоқи касаба

профессиона́л *м* одами кордон (корозмуда)

профессионализа́ция *ж* касбомӯзӣ, ҳунаромузӣ, такмили ихтисос

профессионали́зм *м* 1. кордонӣ. корозмудагӣ 2. *лингв.* профессионализм (*калима ё иборае, ки хоси ягон касб мебошад*)

профессиона́лка *женск. к* **профессиона́л**

профессиона́льн||ый -ая, -ое 1. касбӣ, ...и касб, ...и касбу ҳунар; ~**ые боле́зни** касалиҳои махсуси аҳли ягон касб 2. касбӣ, ҳақиқӣ; ~**ый спортсме́н** варзишгари касбӣ // кордон, корозмуда; ~**ое уме́ние** корозмудагӣ ◇ ~**ый сою́з** иттифоқи касаба

профе́сси||я *ж* касб, ҳунар, пеша, ихтисос, шуғл; ~**я врача́** касби духтурӣ; **свобо́дная ~я** ихтисоси озод; **вы́бор ~и** интихоби касб (ҳунар); **получи́ть ~ю** ҳунар ёд гирифтан

профе́ссор *м* профессор

профе́ссорский, -ая, -ое 1. профессорӣ, ...и профессор; ~ **соста́в** ҳайати профессорон 2. *в знач. сущ.* **профе́ссорская** *ж* хонаи дамгирии муаллимони (*дар мактаби олӣ*)

профе́ссорство *с* профессорӣ, вазифаи профессор

профе́ссорствовать *несов. разг.* профессор будан, вазифаи профессориро ишғол кардан, дар вазифаи профессорӣ кор кардан

профе́ссорша *ж* 1. *разг.* зани (завҷаи) профессор 2. *прост.* профессорзан

профессу́ра *ж* 1. профессура, унвон ва вазифаи профессор 2. *собир.* профессорҳо, ҷамъи профессорҳо

профила́ктика *ж* 1. *мед.* профилактика, тадбирҳои пешгирӣ аз бемориҳо 2. *юр.* пешгирӣ; ~ **правонаруше́ний** пешгирии вайронкунии қонун 3. *тех.* тадбирҳои эҳтиётӣ

профилакти́ческ||ий -ая, -ое 1. *мед.* ...и профилактика, пешгирикунандаи беморӣ; ~**ие сре́дства** воситаҳои пешгирикунандаи беморӣ 2. *тех.* эҳтиётӣ,

пешакӣ; ~ий **ремонт машин** таъмири эхтиётии мошинҳо

профилакторий *м* профилакторий, муассисаи муолиҷа ва пешгирии беморӣ

профилирование *с* (*по знач. гл.* **профилировать**) профиль сохтан(и), ба намуди (ба шакли) дуруст даровардан(и), ба шакли муайян даровардан(и)

профилированный, -ая, -ое 1. *прич.* профильдоршуда; ба намуди дуруст даровардашуда 2. *прил.* (*о дороге*) ба шакли муайян даровардашуда

профилировать *сов., несов. что* профиль сохтан, ба намуди (ба шакли) дуруст даровардан, ба шакли муайян даровардан; ~ **деталь** профили детальро сохтан

профилировка *ж см.* **профилирование**

профилировочный -ая, -ое профилькунанда, ...и профильсозӣ; ~ **стан** дастгоҳи профилькунанда

профилирующ||ий -ая, -ее асосӣ, махсус, соҳавӣ; ~**ие дисциплины** фанҳои махсус, фанҳои соҳавӣ

профиль *м* 1. нимрух, профиль (*намуди як тарафи сару руи одам ё намуди чизе аз паҳлуяш*) 2. профиль, мактаъ (*буриши амудӣ ва ё кундалангии чизе*); ~ **дороги** профили роҳ; ~ **моста** профили пул 3. касб, ҳунар, ихтисос, соҳа; ~ **специалиста** касби мутахассис; ~ **вуза** соҳаи мактаби олӣ

профильный -ая, -ое профилӣ, ...и профиль, ...и мактаъ

профильтровать *сов.* 1. *что* аз фильтр гузарондан, аз софӣ гузарондан, соф кардан, полудан; ~ **воду** обро соф кардан 2. *кого-что перен. разг.* санҷидан 3. *что без доп.* муддате аз фильтр гузарондан, чанде соф кардан (полудан)

профильтроваться *сов.* 1. соф шудан, полуда шудан 2. *перен. разг.* санҷида шудан, аз санҷиш (аз тафтиш) гузаштан

профильтровываться *несов.* 1. *см.* **профильтроваться**; 2. *страд.* соф карда шудан

профинтить *сов. что прост.* беҳуда сарф кардан, ба бод додан

профит *м уст.* нафъ, манфиат

профком *м* комитети иттифоқи касаба

профкомовский -ая, -ое ...и комитети иттифоқи касаба

профорг *м* ташкилотчии иттифоқи касаба

профорганизация *ж* ташкилоти иттифоқи касаба

профориентация *ж* профориентация (*тадбирҳои интихоби касбу ҳунар барои мактаббачагон*)

проформ||а *ж разг.* расмияти зоҳирӣ, намуд, намуди (сурати) зоҳирӣ; **для** ~ы барои намуд; **соблюсти** ~у расмияти зоҳириро риоя кардан

профсоюз *м* иттифоқи касаба

профсоюзн||ый -ая, -ое ...и иттифоқи касаба; ~**ый билет** билети иттифоқи касаба; ~**ая организация** ташкилоти иттифоқи касаба

профтехучилище *с* омузишгоҳи ҳунарҳои (касбҳои) техникӣ

профтехшкола *ж* мактаби ҳунарҳои (касбҳои) техникӣ

профукать *сов. что прост.* бар бод додан, беҳуда сарф кардан

прохаживать *несов. разг.* 1. *многокр. к* **проходить** II 1; 2. *кого* роҳ равондан (*аспро*)

прохарчить *сов. прост.* 1. *что* пулро барои хурок (хурду хурок) сарф кардан 2. *кого-что* (*прокормить*) хурондан, хурду хурок додан

прохарчиться *сов. прост.* 1. ҳамаи пулро барои хурок сарф кардан 2. (*прокормиться*) ризқу рузӣ ёфтан, руз гузарондан, таъмини маишат кардан

прохвати||ть *сов. кого-что* 1. таъсир кардан, фаро гирифтан, задан, гузаштан; **его** ~**ло на сквозняке** *безл.* у шамол хурд 2. *прост.* (*прокусить*) газида маҷруҳ (ярадор, захмдор) кардан 3. *перен. разг.* сахт танқид кардан; ~**ть в газете** дар рӯзнома сахт танқид кардан

прохватывать *несов. см.* **прохватить**

прохворать *сов. разг.* муддате бемор хобидан, чанде бемор (нохуш, касал) будан

прохвост *м разг. бран.* хабис, нобакор разил, палид

прохлада *ж* салқинӣ, серунӣ, хунукӣ; **вечерняя** ~ серунии бегоҳӣ

прохлад||ец *м*: **с** ~**цем, с** ~**цей** *разг.* 1) (*делать, работать*) бо дили хунук, бо дили нохоҳам, дилу бедилон, сарам-дилам, бемайлона 2) (*относиться к кому-чему-л.*) бепарвоёна, хунсардона, лоқайдона

прохладительн||ый -ая, -ое ташнагишикан; ~**ые напитки** нушокиҳои ташнагишикан // *в знач. сущ.* **прохладительное** *с* нушокӣ, шарбат

прохладить *сов. что уст. разг.* хунук кардан, сард кардан, ба ях мондан; ~ **вино** шаробро хунук кардан // *кого* ҳавои тоза хурондан; бардам кардан, рӯҳ бахшидан

прохладиться *сов. разг.* ҳавои тоза хурдан

прохладно 1. *нареч.* бепарво, хунсардона, хунукназарона; берағбат; ~ **отнестись к чему-л.** ба чизе бепарво назар кардан 2. *в знач. сказ. безл.* серун (салқин) аст; **сегодня** ~ имруз ҳаво серун 3. *в знач. сказ. безл. кому* хунук аст; **мне** ~ **в этом летнем пальто** ман дар ин пальтои тунук хунук мехурам

прохладн||ый, -ая, -ое (прохлад|ен, -на, -но) 1. серун, салқин, хунуки форам; ~**ый воздух** ҳавои салқин; ~**ое лето** тобистони салқин 2. *перен.* дилхунукона, бемайлу рағат, сард, руякӣ, лоқайдона; ~**ые отношения** муносибатҳои дилхунукона (сард)

прохладца *ж см.* **прохладец**

прохлаждать *несов. см.* **прохладить**

прохлаждаться *несов.* 1. *см.* **прохладиться**; 2. *разг.* (*медлить*) ҳаял (сулумул, кашолакорӣ) кардан 3. *разг.* (*бездельничать*) бекорхуҷагӣ кардан, беғам гаштан, бепарво зиндагонӣ кардан

прохлопать *сов.* 1. *что прост.* аз даст додан, бехабар (дар ғафлат) мондан, гузарондан; ~ **удобный случай** фурсати мувофиқро аз даст додан 2. муддате чапак задан

прохлопывать *несов. см.* **прохлопать** 1

проход *м* 1. (*по знач. гл.* **пройти** 1, 2, 7) гузаштан(и), гузашта рафтан(и); 2. гузаргоҳ, гузар, ҷои гузар, роҳ, маъбар; **крытый** ~ тим; ~ **через мост закрыт** роҳи болои пул баста аст, аз пул гузаштан манъ аст ◊ **задний** ~ *анат.* мақъад; ~**а** (~**у**) **нет** *от кого-чего* халосӣ нест; ~**а** (~**у**) **не давать** *кому-л.* ба касе ором надодан, касеро безор кардан; **ни** ~**а** (~**у**) **ни проезда** (**проезду**) на роҳи пиёда ҳасту на роҳи савора, на пиёда мегузараду на савора; илоҷи гузар нест

проходимец *м разг.* фиребгар, қаллоб, маккор

проходимость *ж* 1. гузаро будан(и), қобили гузаштан (убур) будан(и), гузашташавандагӣ; ~ **болота** гузаштташавандагии ботлоқ 2. *мед.* гузаронандагӣ; ~ **кишок** гузаронандагии рудаҳо 3. қобилияти аз монеаҳо гузаштан(и); ~ **машин** қобилияти ҳарҷогардии мошинҳо

проходим||ый -ая, -ое (проходим, -а, -о) *прич., прил.* гузашта мешудагӣ, тайшаванда, убуршаванда; ~**ая местность** ҷои гузашта мешудагӣ

проходить I *несов. см.* **пройти** ◊ ~ **красной нитью** барҷаста намоён будан, фикри (ғояи) асосӣ будан

проходи||ть II *сов.* 1. муддате гаштан, чанде сайр (гаштугузор) кардан, як муддат роҳ рафтан; ~**ть в лесу целый день** рузи дароз дар бешазор гардиш кардан (будан) 2. (*о механизмах и т. п.*) муддате гаштан, чанде ҳаракат кардан; **часы** ~**ли пять минут и остановились** соат панҷ дақиқа гашту аз кор монд (хоб рафт) 3. *в чём* муддате пушидан, чанде пушида гаштан; **он** ~**л в этом пальто только одну зиму** ин пальторо вай фақат як зимистон пушид 4. *прост.* (*пробыть в какой-л. должности*) муддате дар вазифае будан

проходка *ж* (*по знач. гл.* **пройти** 7) *горн.* нақбканӣ

проходн||ой -ая, -ое 1. гузаргоҳдор, дудара; ~**ая комната** хонаи васатӣ; ~**ой двор** ҳавлии дудара; кафтархона 2. *в знач. сущ.* **проходная** *ж* даҳлези гузаргоҳ 3. *зоол.* кучи, сайёр; ~**ые рыбы** моҳиҳои кӯчӣ ◊ ~**ая будка** *то же, что* **проходная**

проходческ||ий -ая, -ое *горн.* ...и нақбканӣ, ...и конканӣ; ~**ая бригада** бригадаи нақбканҳо; ~**ий комбайн** комбайни нақбканӣ; ~**ие работы** нақбканӣ

проходчик *м горн.* нақбкан, конкан, коргари кон

проходящий -ая, -ее 1. *прич.* гузаранда 2. *в знач. сущ.* **проходящий** *м разг.* раҳгузар, раҳакӣ, мусофир

прохождение *с* (*по знач. гл.* **пройти** 1, 2, 7—11, 13) гузаштан(и), гузашта рафтан(и), тай кардан(и)

прохожий, -ая, -ее *и в знач. сущ. м*, **прохожая** *ж* раҳгузар, раҳакӣ, мусофир

прохлаждать *несов. см.* **прохолодить**

прохолодить *сов. что с.-х.* шамол додан; ~ **семена** тухмиро шамол додан

прохрипеть *сов.* хир-хир кардан, хиррос задан // *что и без доп.* бо овози гирифта гуфтан; бо овози хиррӣ суруд хондан

прохудиться *сов. прост.* пора-пора шудан, тешук-тешук (сурох) шудан, даридан

процарапать *сов. что* 1. бо чизи тез сурох (тешук) кардан, [харошида] пора кардан, харошидан, даррондан; ~ **бумагу пером** бо перо коғазро даррондан 2. бо чизи тез нақш баровардан

процарапывать *несов. см.* **процарапать**

процве||сти *сов.* 1. *см.* **процветать;** 2. муддате шукуфтан (гул кардан); **гиацинты** ~**ли всё лето** гулҳои сунбул тамоми тобистон шукуфон истоданд

процветание *с* (*по знач. гл.* **процветать**) инкишоф, тараққӣ, пешрафт, равнақ

процвета||ть *несов.* инкишоф (тараққи, пешрафт) кардан, пеш рафтан, равнақ ёфтан, гул-гул шукуфтан; **страна** ~**ет** мамлакат гул-гул мешукуфад // *разг.* (*благоденствовать*) осудаҳолона зистан, саодатмандона зистан, бо серию пурӣ (хушҳолона) зиндагӣ кардан // *разг.* (*пользоваться успехом*) соҳиби иззату обру (эътибор) будан (шудан), комьёб будан (шудан)

процедить *сов.* 1. *что* соф (софӣ) кардан, софкорӣ кардан, полонидан, полудан; ~ **молоко** ширро софӣ кардан 2. *что и без доп.* нимгурма гуфтан; ~ **сквозь зубы** беэътиноёна гап партофтан (гуфтан), нимғурма гуфтан

процедура *ж* 1. расму қоида, тартиб, маросим; ~ **подписания договора** маросими имзои шартнома; **судебная** ~ мурофиаи суд 2. *мед.* муолиҷа

процедурн||ый, -ая, -ое 1. ...и расму қоидаҳо, ...и муолиҷа; ~**ые правила** қоидаҳои муолиҷа 2. *мед.* ...и муолиҷа; ~**ый кабинет** кабинети муолиҷа // *в знач. сущ.* **процедурная** *ж* муолиҷахона, хонаи муолиҷа

процеживать *несов. см.* **процедить**

процеживаться *несов. страд.* соф карда шудан

процент *м* 1. фоиз, дар сад; **простые** ~**ы** фоизи содда; **сложные** ~**ы** *мат.* фоизи мураккаб; **выполнить план на сто** ~**ов** планро сад фоиз иҷро кардан 2. (*доход*) даромад, фоида, дахл 3. (*плата за ссуду*) ҳаққи суд 4. (*вознаграждение*) мукофот ◇ **на** [**все**] **сто** ~**ов** сад дар сад, комилан

процентн||ый, -ая, -ое 1. ...и фоиз, фоизнок, фоизӣ; ~**ое содержание железа в руде** миқдори оҳани маъдан ба ҳисоби фоиз 2. даромаднок, судбахш, бурднок, бурдовар; ~**ые бумаги** коғазҳои даромаднок

процесс *м* 1. процесс, равиш, рафт, ҷараён; ~ **развития** процесси инкишоф; **в** ~**е работы** дар рафти кор // ҷараён, процесс; **производственный** ~ ҷараёни истеҳсолот; **учебно-воспитательный** ~ процесси таълиму тарбия 2. *мед.* хуруҷ, авҷ, инкишоф; ~ **в лёгких** хуруҷи дарди шуш 3. *юр.* мурофиа, муҳокима, даъво; **гражданский** ~ мурофиаи [корҳ] гражданӣ; **уголовный** ~ мурофиаи [корҳ] ҷиноятӣ; **возбудить** ~ ба мурофиа гузоштан; **выиграть** ~ дар мурофиаи суд ғолиб баромадан

процессия *ж* маросим, маросими тантанавор, намоиши тантананок

процессуальный, -ая, -ое *юр.* ...и тартиботи мурофиаи суд; ~ **кодекс** кодекси тартиботи мурофиаи суд

процитировать *сов. что* иқтибос овардан

прочеканивать *несов. см.* **прочеканить**

прочеканить *сов. что* 1. (*отделать чеканкой*) сикка задан, куфта нақшин кардан, нақш кардан (баровардан), кандакорӣ кардан 2. (*пробить насквозь*) зада сурох кардан 3. *с.-х.* чеканка кардан

прочерк *м* 1. (*по знач. гл.* **прочеркнуть**) хат (рах) кашидан(и), хат задан(и) 2. хат (*хате, ки аз набудани маълумот шаҳодат медиҳад*)

прочёркивание *с см.* **прочерк** 1

прочёркивать *несов. см.* **прочеркнуть**

прочёркиваться *несов. страд.* хат кашида шудан

прочеркнуть *сов. что* хат (рах) кашидан, хат задан

прочертить *сов.* 1. *что* [хат] кашидан, нақш кашидан, нақшакашӣ кардан; ~ **контуры рисунка** тарҳҳои расмро кашидан 2. *что и без доп.* муддате кашидан, чанде нақш кашидан (нақшакашӣ кардан)

прочертиться *сов.* намоён (намудор) шудан

прочерчивать *несов. см.* **прочертить** 1

прочерчиваться *несов. страд.* [хат] кашида шудан

прочесать *сов. что* 1. наддофӣ (шона, тит, тинг-тинг) кардан; ~ **лён** лифи катонро шона кардан 2. *перен. разг.* бодиққат дида баромадан; хуб тир паррондан, тир андохтан, тирборон кардан; ~ **лес** бешазорро тирборон кардан 3. муддате наддофӣ (шона, тит) кардан

прочесть *сов. разг. см.* **прочитать** 1—5

прочёсывание *с* (*по знач. гл.* **прочесать**) наддофӣ (шона, тит) кардан(и); бодиққат дида баромадан(и); тирборон кардан(и)

прочёсывать *несов. см.* **прочесать**

прочёсываться *несов. страд.* наддофӣ карда шудан

проч||ий, -ая, -ее дигар, ғайр, боқимонда, соир // *в знач. сущ.* **прочее** *с* чизи дигар // *в знач. сущ.* **прочие** *мн.* ғайруҳу, дигарҳо ◇ **между** ~**им** 1) *нареч.* (*попутно*) зимнан: **заниматься каким-л. делом между** ~**им** зимнан ба коре машғул шудан 2) *в знач. вводн. сл.* (*кстати*) дар зимни (дар омади) гап; **и** ~**ее** (**и пр., и проч.**) ва ғайра (ва ғ.), ва ҳоказо (ва ҳ.)

прочинить *сов. что и без доп.* муддате таъмир (дуруст) кардан, чанде руфуъ (ямоқ, дарбеҳ) кардан

прочисти||ть *сов.* 1. *что* пок (тоза) кардан; ~**ть трубу** қубурро тоза кардан 2. *что и без доп.* муддате пок (тоза) кардан; **он всё утро** ~**л свою одежду** вай тамоми пагоҳирузӣ либосҳояшро тоза кард

прочистка *ж* (*по знач. гл.* **прочистить** 1) пок (тоза) кардан(и)

прочита||ть *сов. что* 1. *тж. без доп.* хондан, хонда шудан, хонда тамом кардан; ~**ть книгу** китобро хондан; ~**ть вслух** бо овози баланд хондан, баланд-баланд хондан 2. *перен.* дидан, хондан, пай бурдан; **я** ~**л на его лице испуг** ман дар симои вай аломати тарсу ваҳм дидам 3. (*зачитать*) хонда додан // (*продекламировать*) иншод кардан, иншод карда хондан; ~**ть стихотворение** шеърро иншод кардан 4. гуфтан, кардан, додан; ~**ть нотацию** насиҳат додан (кардан), танбеҳ додан 5. гуфтан, изҳор кардан, эрод (баён) кардан, хондан; ~**ть доклад** маърузаро хондан 6. *тж. без доп.* муддате хондан; **он** ~**л всю ночь** вай тамоми шаб китоб хонд

прочитывать *несов. см.* **прочитать** 1

прочитываться *несов. страд.* хонда шудан

прочить *несов. кого-что* пешгуӣ кардан, пешакӣ таъин кардан

прочихаться *сов. разг.* атса задан (додан), атса зада бароҳат шудан

прочищать *несов. см.* **прочистить** 1

прочищаться *несов. страд.* пок карда шудан

прочищение *с см.* **прочистка**

прочно *нареч.* маҳкам, мустаҳкам, устувор, мазбут

прочность *ж* 1. маҳкамӣ, мустаҳкамӣ, устуворӣ, пойдории, мазбутӣ; ~ **ниток** маҳкамии ресмон 2. *перен.* пойдорӣ, мустаҳкамӣ, вайроннашаванда (бардавом) будан(и); ~ **мира** пойдории кори сулҳ

прочн||ый, -ая, -ое (проч|ен, -на, -но) 1. маҳкам, мустаҳкам, бадошт, мазбут; ~**ая ткань** матои бадошт; ~**ый стул** курсии мустаҳкам 2. *перен.* пойдор, бардавом; ~**ый мир** сулҳи пойдор; ~**ое счастье** бахти бардавом

прочтение *с* (*по знач гл.* **прочитать** 1, 3,5) хониш, хондан(и); хонда додан (и); ~ **обвинительного заключения** хонда додани айбнома; **первое** ~ **пьесы** хондани аввали пьеса

прочувствованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҳис (эҳос) кардашуда 2. *прил.* таъсирбахш, пурэҳсос, самимӣ, ҳаяҷонбахш; ~**ая речь** нутқи ҳаяҷонбахш

прочувствова||ть *сов. что* 1. ҳис (эҳсос) кардан; дарк кардан; **артист** ~**л свою роль** артист роли худашро ба

хубй ҳис кард 2. *(пережить)* аз сар гузаронидан

прочь *нареч.* ба як тараф (су), ба канор, дур; **унести** ~ **что́-л.** ягон чизро ба як су бурдан; **убежать** ~ ба як тараф давида рафтан // *в знач. сказ.* дур шав, дафъ шав, нест шав; **пошёл** ~! гум шав!; ~ **с доро́ги!** пеши роҳро нагир!, аз роҳ дур шав!, аз роҳ дафъ шав!; ~ **с моих глаз!** дафъ шав аз пеши чашмам!, аз назарам дур шав!; **ру́ки** ~! дафъ шав(ед)! даст каш(ед)!, даст бардор!, дастатро гир! ◇ **не** ~ майлаш, «не» намегуям, рози, зид не; **я не** ~ **закуси́ть** ман барои андак хурок хурдан зид не

прошага́ть *сов.* 1. *(пройти)* қадам монда (партофта) рафтан, қадам зада гузаштан 2. муддате **кадам** зада рафтан (гаштан)

прошамкать *сов. что и без доп.* шаф-шаф (хонда-хонда) гуфтан

прошаркать *сов. разг.* шап-шап карда рафтан (гузаштан), совида роҳ рафтан

прошата́||ться *сов. прост.* муддате саёқ-саёқ (овора шуда) гаштан, чанде бакора-бекора (дайду шуда) гаштан, як муддат бекор гаштан; **он** ~**лся весь день по го́роду** вай рузи дароз дар шаҳр бекор гашт

проше́дш||ий -ая, -ее 1. *прич.* гузашта 2. *прил.* гузашта, гузаштарафта, мозй; ~ **ие го́ды** солҳои гузашта 3. *в знач. сущ.* **прошедшее** *с* гузашта, айёми гузашта ◇ ~**ее вре́мя** *грам.* замони гузашта

прошелесте́ть *сов.* хишир-хишир (шибир-шибир, шикир-шикир) кардан

проше́ние *с уст.* ариза, талабнома, илтимоснома; **пода́ть** ~ илтимоснома навиштан, ариза додан

прошепеля́вить *сов. что и без доп.* ш-ш гуфта гап задан, шаф-шаф кардан, шаф-шаф карда гуфтан

прошепта́ть *сов. что и без доп.* 1. гушакй кардан, пичир-пичир (пичир-кучур) кардан, гушаки гап задан; **еле́ слышно** ~ пичиррос зада гап задан 2. муддате гушакй кардан, чанде пичир-пичир кардан

прошепта́ться *сов.* муддате бо ҳамдигар гушакй гап задан, чанде бо ҳамдигар пичир-пичир (миш-миш) кардан

проше́стви||е *с:* **по** - **и** *чего* баъди гузаштан(и), пас аз гузаштан(и), баъди..., баъд аз, пас аз; **по** ~**и двух лет** пас аз гузаштани ду сол, баъди ду сол

проше́ствовать *сов. уст. и ирон.* бовиқорона гузашта рафтан, ҳавобаландона гузаштан

прошибать *несов. см.* **прошиби́ть**

прошиб||и́ть *сов.* 1. *что разг.* зада сурох (рахна) кардан, зада шикастан, зада булак кардан, зада кафондан; ~**и́ть дверь** дарро зада шикастан 2. *кого-что прост.* то мағзи чизе гузаштан *(оид ба хунукй, шамол ва ғ.)* // *(пронять)* муассир гардондан, зер (нахш) кардан, таъсир гузарондан; **от э́той мы́сли его́ проши́б холо́дный** пот аз ин фикр вайро воҳима зер кард ◇ [**народу**] **пушкой не** ~**ёшь** издиҳоми калон, анбуҳи мардум; **пу́шкой не** ~**ёшь** *кого*, **из пу́шки не** ~**ёшь** *кого* бисьёр гарданғафс аст; пушти ману табари қассоб

прошива́ние *с* (*по знач. гл.* **проши́ть** 1, 2) духтан(и), бахия кардан(и); зада сурох кардан(и)

прошивать *несов. см.* **проши́ть** 1—3

прошиваться *несов. страд.* духта шудан

проши́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **проши́ть** 1) дузиш, бо ду сузан духтан(и), бахия кардан(и) 2. *(на белье, платье)* ҳошия, канора, қур

прошивн||о́й -ая, -ое 1. духта шаванда, дусузана духташаванда, бахия кардашаванда; ~**ая подо́шва** тагчарми духташаванда 2. *(с прошивками)* ҳошиядузй, ҳошиядор, канорадор, қурдузй, қурдор

проши́вочный, -ая, -ое ...и ҳошия духтан(и), ...и канорадузй, ...и ҳошияпартой, ...и канорапартой, ...и қурдузй

прошипе́ть *сов.* 1. фашшас задан, фаш-фаш (хиш-хиш) кардан // *что и без доп.* фаш-фаш карда гап задан 2. муддате фашшас задан, чанде фаш-фаш (хиш-хиш) кардан

проши́ть *сов.* 1. *что* духтан, дусузана духтан, бахия кардан (духтан); ~ **подо́швы** тагчарми пойафзолро бахия кардан, тагчармро духтан; ~ **воротни́к** гиребон бахия кардан 2. *разг. кого-что (прострелить)* бо тир зада сурох кардан, сурох-сурох кардан 3. *что и без доп.* муддате духтан

прошлёпать *сов. разг.* шалп-шалп карда гузашта рафтан

прошлого́дн||ий, -яя, -ее порсола, порсола(н)гй, ...и соли гузашта; ~**яя мо́да** моди соли гузашта ◇ **как** ~**ий снег ну́жен (интересу́ет)** мисли нақораи баъди туй; барфи порина барин зарур

прошл||ый, -ая, -ое 1. гузашта, пеш, пешина; ~**ый год** соли гузашта, порсол 2. *в знач. сущ.* **про́шлое** *с* гузашта; замони гузашта; **истори́ческое** ~**ое** гузаштаи таърихй; **сла́вное** ~**ое наро́да** гузаштаи пуршарафи халқ; **в недалёком** ~**ом** дар гузаштаи наздик ◇ **де́ло** ~**ое** кори гузашта, гапи гузашта; **отойти́ в** ~**ое** куҳна шудан, аз байн (аз миён) рафтан

прошля́пить *сов. кого-что прост.* аз даст додан, бой додан, ғафлат кардан

прошляться *сов. прост.* муддате саёқ-саёқ гаштан, чанде бекор (баҳуда-беҳуда, куча ба куча) гаштан

прошмы́гивать *несов. см.* **прошмыгну́ть**

прошмыгну́ть *сов. разг.* фирри (ғирри) гузаштан, фирри (ғирри) даромадан

прошнурова́ть *сов. что* ресмонбаст кардан; ~ **журна́лы** журналҳоро ресмонбаст кардан

прошнуро́вывать *несов. см.* **прошнуровать**

прошпаклевать *сов.* 1. *что* тагмолй кардан, батона кардан (кашидан) 2. *что и без доп.* муддате тагмолй кардан

прошпаклёвывать *несов. см.* **прошпаклева́ть** 1

прошпиговать *сов. что* ба мағзи гушт чарб ҷо кардан

прошпиго́вывать *несов. см.* **прошпиговать**

проштемпелевать *сов. что* муҳр задан (мондан), муҳр пахш кардан; ~ **письмо́** ба мактуб муҳр задан

прошто́пать *сов.* 1. *что разг.* духтан, руфу кардан, дарбеҳ (ямок) кардан 2. *что и без доп.* муддате духтан, чанде дарбеҳ (ямоқ) кардан

прошто́пывать *несов. см.* **прошто́пать** 1

проштрафиться *сов. разг.* айбдор (гунаҳкор) шудан, хато (гуноҳ, ҷурм) кардан

проштуди́ровать *сов. что* бо диққат мутолиа кардан, бо диққат омухтан

проштукату́рить *сов. что* 1. андова кардан, ловидан, регмол кардан, гаҷкорй кардан; ~ **ко́мнату** хонаро андова кардан 2. *что и без доп.* муддате андова кардан (ловидан)

прошуме́||ть *сов.* 1. хишир-хишир (шибир-шибир) кардан 2. *перен. разг.* ғулғула андохтан, овоза баровардан, ном баровардан, машҳур шудан 3. муддате магал кардан; чанде ғур-ғур кардан, як муддат ғуррос задан; **бу́ря** ~**ла всю ночь** бурон шаби дароз ғуррос зад

прошурша́ть *сов.* 1. хашар-хашар (хишир-хишир) кардан 2. муддате хашар-хашар (хишир-хишир) кардан

проща́льн||ый -ая, -ое видой, ...и видоъ, ...и хайрбод; ~**ое слово** нутқи видой; ~**ый конце́рт** концерти хотимавй

прощани||е *с* (*по знач. гл.* **прости́ться**) видоъ, падруд, хайрбод; **настала мину́та** ~**я** вакти видоъ омад ◇ **на** ~**е** дар вакти хушбошй (хайру хуш), пеш аз видоъ

проща́ть *несов.* 1. *см.* **прости́ть** 1, 2; 2. *повел.* **прощай(те)** хайр набошад, хуш бошед

проща́ться *несов.* 1. *см.* **прости́ться;** 2. *страд.* бахшида шудан, афв карда шудан

про́ще *сравн. ст. к прил.* **просто́й** *и к нареч.* **про́сто;** ~ **па́реной ре́пы** [кори] бисьёр осон

прощебета́ть *сов. что и без доп.* 1. чик-чик (чирик-чирик, чуғур-чуғур) кардан, хондан *(оид ба паррандаҳо)*; *разг.* тез (бидир-бидир) гап задан 2. муддате чик-чик (чириқ-чириқ, чуғур-чуғур) кардан; муддате тез (бидир-бидир) гап задан

проще́лина *ж обл.* тарқиш, шикоф, рахна, роғ

прощелыга *м, ж прост.* фиребгар, қаллоб, маккор, нобакор

проще́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **прости́ть** 1, 2) бахшиш, бахшоиш, афв кардан(и) 2. афв, узр, маъзарат; **проси́ть** ~**я** узр хостан; **прошу́** ~**я** хайр, маъзур медоред, маъзарат мехоҳам, бубахшед

прощённый *прич.* (прощ|ён, -ена, -ено) бахшидашуда, афв кардашуда

прощён||ый, -ая, -ое *прост.* афвшуда, маъзур ◇ **~ое воскресе́нье**, **~ый день** *церк.* рузи омурзиш, рузи маъзарат *(якшанбеи охирин пеш аз руза, ки дар он руз диндорҳои православӣ аз якдигар маъзарат мепурсанд)*

прощу́пать *сов.* 1. *что* даст-даст кардан, даст-даст карда дидан (фаҳмидан, ёфтан), палмосидан; ~ **о́пухоль** ҷои варамро даст-даст карда ёфтан 2. *кого-что перен.* пешакӣ тафтиш карда дидан, санҷидан, озмудан ◇ ~ **по́чву** *для чего* вазъиятро пешакӣ дида фаҳмидан

прощу́пывание *с* (*по знач. гл.* **прощу́пать**) даст-даст кардан(и); пешакӣ тафтиш, карда дидан(и)

прощу́пывать *несов. см.* **прощу́пать**

прощу́пываться *несов.* 1. даст-даст карда дида (фаҳмида, ёфта) шудан, палмосида шудан 2. *страд.* ламс карда шудан

проэкзаменова́ть *сов. кого-что* имтиҳон кардан (гирифтан); ~ **студе́нта** аз студент имтиҳон гирифтан

проэкзаменова́ться *сов.* имтиҳон шудан, имтиҳон додан, аз имтиҳон (аз санҷиш) гузаштан

прояви́тель *м фото* падиддору

прояви́||ть *сов. что* 1. ошкор кардан, зоҳир (изҳор) кардан, нишон додан, намоён (намудор, падидор) кардан; **~ть хра́брость** ҷасорат кардан, далерӣ нишон додан; **~ть инициати́ву** ташаббус нишон додан; **~ть нетерпе́ние** бетоқатӣ кардан, бетоқат шудан 2. *фото* зоҳир кардан, баровардан ◇ **~ть себя́** худро нишон додан, кӣ будани худро нишон додан; **он ~л себя́ с хоро́шей стороны́** вай худро бо сифатҳои нек нишон дод

прояви́||ться *сов.* 1. ошкор шудан, зоҳир (намоён, намудор, ҳувайдо, падидор) шудан; **у него́ ~лся интере́с к жи́вописи** у ба наққошӣ шавқ зоҳир кард 2. *фото* зоҳир шудан, баромадан *(аз таъсири падиддору)*

проявле́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **прояви́ть**) ошкор кардан(и), зоҳир (изҳор) кардан(и), нишон додан(и); (*по знач. гл.* **прояви́ться**) ошкор шудан(и), зоҳир (намоён, намудор) шудан(и); ~ **акти́вности** изҳори фаолият; ~ **забо́ты** изҳори ғамхорӣ; ~ **си́лы** зоҳир кардани қувва 2. *(разновидность, форма)* шакл, тарз; аломат, нишона

проявля́ть *несов. см.* **прояви́ть**

проявля́ться *несов.* 1. *см.* **прояви́ться** 2. *страд.* намудор карда шудан

проя́вочный, -ая, -ое *фото* ...и падиддору

проясне́ние *с* (*по знач. гл.* **проясни́ть**) равшан(тар) кардан(и); возеҳ кардан(и); (*по знач. гл.* **проясне́ть** *и* **проясни́ться**) кушода шудан(и), равшан (возеҳ) шудан(и); ~ **пого́ды** соф шудани ҳаво; ~ **созна́ния** ба худ (ҳуш) омадан(и)

проясне́||ть *сов. разг.* кушода (равшан) шудан, соф (мусаффо, беғубор) шудан; **не́бо ~ло** осмон кушода шуд; **у́тром ~ло** *безл.* пагоҳӣ ҳаво соф шуд

проясне́||ть *сов. (о мыслях, сознании)* кушода (равшан) шудан; **взор ~л** чашм равшан шуд; **его́ лицо́ ~ло** чеҳрааш кушода шуд

проя́снить *прост. см.* **проясне́ть**

проясни́ть *сов. что* 1. гуё кардан, равшан(тар), кардан, возеҳ кардан; ~ **ко́нтуры рису́нка** тарҳҳои расмро равшантар карда кашидан 2. муайян кардан, равшан (аниқ) кардан; ~ **обстано́вку** шароитро муайян кардан 3. равшан кардан (фикру шуурро)

проя́сниться *сов.* 1. *см.* **проясне́ть**; 2. *разг. (стать прозрачным — о жидкости)* равшан шудан, соф (мусаффо, зулол) шудан

проясни́||ться *сов.* 1. гуё (равшан) шудан, возеҳ шудан, барҷало намоён шудан 2. кушода (равшан) шудан, соф (мусаффо, зулол) шудан; **не́бо ~лось** осмон кушода шуд 3. *(стать понятным)* равшан шудан, аниқ гаридан 4. бедор шудан, равшан шудан *(оид ба фикру шуур ва. ғ.)*; **его́ созна́ние ~лось** ақлу ҳуши вай равшан шуд

проясня́ть *несов. см.* **проясни́ть**

проясня́ться *несов.* 1. *см.* **проясни́ться**; 2. *страд.* равшан карда шудан

пруд *м* ҳавз, толоб; **прото́чный** ~ ҳавзи равон, ҳавзи оббардор

пруд||и́ть *несов. что* банд кардан, дам кардан, бастан *(обро)* ◇ **хоть пруд ~и́** як дунъё, беҳадду ҳисоб, лаб-лаб, хирвор

прудови́к *м зоол.* ҳавзгард(ак)

прудов||о́й, -ая, -ое ...и ҳавз, ...и толоб; **~ая вода́** оби ҳавз; **~ая ры́ба** моҳии ҳавз

пружи́н||а *ж* 1. фанар; **часова́я ~а** пружинаи соат; **боева́я ~а** фанари зарбазан 2. *перен.* қувваи ҳаракатдиҳанда (муҳаррика), муҳаррик ◇ **как на ~ах** тез, зуд, босуръат; **нажа́ть на все ~ы** ҳамаи чораҳоро дидан, ҳадаҳа кардан

пружи́нист||ый, -ая, -ое (пружи́нист, -а, -о) қаиш, кашишдор, ёзанда, чандир; **~ые му́скулы** мушакҳои чандиру пурзур // *(о походке, движениях)* сабук

пружи́нить *несов.* фанарвор ҳаракат кардан, ҳаму рост шудан

пружи́ниться *несов. разг. см.* **пружи́нить**

пружи́нн||ый, -ая, -ое фанарӣ, фанарбоб, фанардор; **~ая про́волока** сими фанарӣ; **~ое сиде́ние** курсии фанардор

руса́к *м зоол.* нонхураки зард

прусса́к *м* прусс, пруссиягӣ

прусса́ки *мн.* пруссакҳо *(аҳолии Пруссияи собиқ)*

прусса́чество *с* пруссиячигӣ *(тартиботи иртиҷоии милитаристӣ ва полициягӣ, ки дар давлати Пруссияи собиқ ва дар империяи Германия ҷорӣ буд)*

прусса́чка *ж* пруссзан, пруссдухтар

пру́сский, -ая, -ое ...и пруссакҳо, пруссиягӣ, ...и Пруссия

пру́ссы *мн.* (*ед.* прусс *м*) пруссҳо *(гуруҳи қабилаҳои балтӣ, ки дар соҳили ҷанубии баҳри Балтика зиндагонӣ мекарданд)*

прут *м* (*мн.* **пру́тья**) 1. химча, навда, шоха; **и́вовый** ~ химчаи бед 2. сих, мила, меҳвари оҳанӣ; **желе́зный** ~ сихи оҳанин

прутко́в||ый, -ая, -ое сихшакл, милашакл; **~ая сталь** сихи фулодӣ

прутня́к *м обл.* бедзор

прутян||о́й, -а́я, -о́е химчагин; **~а́я корзи́нка** химчасабад

прыг *межд. в знач. сказ. разг.* як хез зада, бо як ҷаст; **он ~ в окно́** вай бо як ҷаст аз тиреза баромад

пры́галка *ж разг.* ресмони ҷастухез *(барои бозии бачагон)*

пры́ганье *с* (*по знач. гл.* **пры́гать** 1) паридан(и), ҷастухез кардан(и), ҳаллос задан(и)

пры́га||ть *несов.* 1. паридан, худро партофтан (ҳаво додан), ҷастан, ҷастухез кардан, ҷаҳидан, хез задан; **~ть че́рез барье́р** аз болои монеа ҷаҳида гузаштан; **~ть на ходу́ в авто́бус** дар вақти гашти автобус хез зада савор шудан; **~ть с парашю́том** худро бо парашют партофтан; 2. ҷаҳидан, ҳаллос задан, лук-лук давидан; **~ть на одно́й но́жке** якпоя ҳаллос задан 3. *разг.* ларзидан, паридан; **от волне́ния у него́ ~ли гу́бы** аз ҳаяҷон лабони вай меларзиданд (мепариданд)

пры́гнуть *сов. однокр. к* **пры́гать** 1; ~ **в во́ду** худро ба об партофтан

прыгу́н *м* 1. *спорт.* ҳаллосзан, хеззананда 2. *разг.* серҳаракат, беқарор, ҷастухезкунанда

прыгу́нья *женск. к* **прыгу́н**

прыжко́в||ый, -ая, -ое *спорт.* ...и ҷаҳиш, ...и ҷаст, ...и париш, ...и ҳаллос; **~ые упражне́ния** машқҳои ҷаҳиш

прыжо́к *м* ҷаҳиш, ҷаст, париш, ҳаллос; ~ **в высоту́** ҷаҳиш ба баландӣ; ~ **в длину́** ҷаҳиш ба дарозӣ; ~ **в во́ду** ба об партофтан(и) ◇ **затяжно́й** ~ *ав.* ҷаҳиши тулонӣ

пры́скать *несов. см.* **пры́снуть**

пры́скаться *несов. чем разг.* ба худ пошидан (чошидан, задан); ~ **духа́ми** ба худ атр пошидан (задан)

пры́сну||ть *сов. разг.* 1. пошидан, чошидан, пош (чош) додан, задан; **~ть на цветы́ водо́й** ба гулҳо об пошидан (чошидан) 2. фаввора (фашшас) зада баромадан; **кровь ~ла из ра́ны** хун аз ҷароҳат фаввора зада баромад 3. шитофтан, парешон шудан; **все ~ли кто куда́** ҳама ба ҳар су парешон шуданд 4. якбора хандидан, якбора қаҳ-қоҳ хандидан, қиқиррос задан хандидан; **~ть со́ смеху** қиқиррос зада хандидан

пры́ткий, -ая, -ое (пры́т|ок, -ка, -ко) *разг.* чобук, чуст, чолок, чаққон, чусту чолок

пры́тко *нареч. разг.* чобукона, чолокона, чусту чолокона

пры́ткость *ж разг.* чобук (чолок) будан(и), чобукӣ, чолокӣ

прыть *ж разг.* суръат, тезӣ, зудӣ, шаст; чолокӣ, чаққонӣ, ғайрат ◇ **во всю** ~ бо суръати тамом; **отку́да** ~

взялáсь? аз кучо ин қадар ғайрат?, аз куҷо ин қадар чаққонӣ?

прыщ *м* гармича, рихинак

прыщаветь *несов. разг.* гармича пайдо кардан, рихинак зер кардан

прыщавость *ж разг.* гармичадорӣ, рихинакдорӣ, серрихинак будан(и)

прыщав||ый, -ая, -ое (прыщав, -а, -о) *разг.* гармичадор, рихинакдор; **~ое лицó** руи рихинакдор

прыщик *м уменьш. к* **прыщ**

пря *ж уст. книжн. (спор)* музокира, мунозира, мубоҳиса, мунокиша

прядать *несов. см.* **прянуть** ◇ **~ ушáми** *(чаще о лошади)* гуш ҷунбондан

прядéние *с* (*по знач.* **прясть** I) ресиш, ресидан(и); **~ шерсти** ресидани пашм, пашмресӣ

прядéн||ый, -ая, -ое ресида, ресидашуда; **~ая шерсть** пашми ресида (ресидашуда)

прядúльн||ый, -ая, -ое ...и ресиш, ...и ресмонресӣ, ...и ресандагӣ; **~ая фáбрика** корхонаи ресмонресӣ; **~ая машúна** мошини ресмонресӣ

прядúльня *ж уст.* корхонаи ресмонресӣ

прядúльщик *м* ресанда, ресмонрес

прядильщица *женск. к* **прядúльщик**

прядка *ж уменьш. к* **прядь**

прядь *ж* як қабза муй, як даста муй, як милла муй

пряж||а *ж* 1. ресмон, нах, ришта, калоба; **шерстянáя ~а** ресмони (нахи) пашмин; **бумáжная ~а** ресмони пахтагӣ, ресмони карбосӣ; **прясть ~у** ресмон ресидан 2. (*по знач. гл.* **прясть** I) *обл.* ресиш, ресмонресӣ

пряжка I *ж (застёжка)* сагаки тасма, тугмаи камарбанд, гули камарбанд

пряжка II *ж обл.* манзил *(масофае, ки ба аспҳо ем надода, ё аспҳоро иваз накарда дам нагирифта тай мекунанд)*

прялка *ж* чархи ресмонресӣ

прямизнá *ж* ростӣ, ростхаттӣ, ҳамвор будан(и)

прямикóм *нареч. разг.* 1. рост, бо роҳи миёнбур; **идтú ~** бо роҳи миёнбур рафтан 2. руйирост, кушоду равшан; **говорúть ~** руйирост гап задан

прямúть *несов.* 1. *что разг.* рост кардан 2. *уст.* руйирост коре кардан, ошкоро (беибо) руйирост рафтор кардан

прямлёный, -ая, -ое ростшуда, хадангшуда

прямо *нареч.* 1. рост, мустақиман; **éхать ~** рост рафтан 2. рост, мавзун, бехаму рост, қаднашуда; **сидéть ~** рост нишастан; **держаться ~** рост истодан, худро рост гирифтан, қомат рост кардан 3. рост, бевосита, мустақиман, яксара; **приступúть ~ к дéлу** бевосита ба кор сар кардан 4. руйирост, ошкоро, кушоду равшан; **говорú ~** руйирост гуй, яктаву халосашро (пусткандаашро) гуй 5. *в знач. усил. частицы разг.* ҳақиқатан, дар ҳақиқат, воқеан, ба ростӣ; тамоман; **он ~ герóй** вай ҳақиқатан қаҳрамон аст; **я ~ поражёи** ман тамоман ҳайронам 6. *в знач. усил. частицы разг.* рост, дуруст, як ба як; **он попáл ~ в цель** у рост ба нишон зад, ӯ дуруст ба ҳадаф зад; ◇ **~-таки** ҳақиқатан, дар ҳақиқат, ба рости, ...-у бас

прямо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «рост»:* **прямоугóльник** росткунҷа

прямодýшие *с* софдилӣ, беғаразӣ

прямодýшный, -ая, -ое (прямодуш|ен, -на, -но) софдил, беғараз

прямоéзжий, -ая, -ее *фольк.* рост, мустақим *(оид ба роҳ)*

прям||óй, -ая, -ое (прям, -á, -о) 1. рост, мустақим; **~ая лúния** хати рост, рахи рост; **~óй пробóр** фарқи рост // тахт, рост; **~ые вóлосы** муи тахт 2. *(о связи, сообщении)* рост, бевосита, мустақим; яксара, якбора; **~áя дорóга** роҳи мустақим; **~ая связь** алоқаи бевосита; **говорúть по ~óму прóводу** рост бо ягон шаҳр гап задан; **пóезд ~óго сообщéния** поезди рост (якбора) ба ягон ҷо раванда 3. бевосита, мустақим, муқарарӣ, якумдараҷа; **это егó ~ая обязанность** ин вазифаи бевоситаи (муқаррарии) уст; **~ые вы́боры** интихоботи бевосита (мустақим) 4. ростгуй, ҳақгуй, росткор, беғараз(она), софдил(она), кушодадил; **~óй человéк** одами кушодадил, одами ростгуй; **~óй ответ** ҷавоби беғаразона (рост) // *(о взгляде)* рост, самимӣ 5. ошкор, кушоду равшан, руйирост; ҳақиқӣ, воқеӣ; **это ~ой обмáн** ин фиреби руйирост; **~ая необходúмость** зарурати қатъӣ; **~óй расчёт уéхать сегóдня** ҳаққаш ҳамин руз баромада рафтан аст 6. *в знач. сущ.* **прямáя** *ж мат.* хати рост; **провестú ~ýю** хати рост кашидан 7. *мат.* рост; **~ая пропорционáльность** мутаносибии рост **~óй вóрот** гиребони рост; **~óе дополнéние** *грам.* пуркунандаи бевосита; **~ая кúшка** *анат.* рудаи рост, рострӯда; **~áя навóдка** *воен.* нишонгирии рост; **стрелять ~óй навóдкой** рост нишон гирифта задан (гир андохтан); **~óй налóг** андози мустақим; **~óе попадáние** рост рафта расидан(и); **~áя речь** *грам.* нутқи айнан нақлшуда; **~óй ýгол** *мат.* кунҷи рост; **в ~óм смы́сле слóва** ба маънии аслии сухан (калима)

прямокры́л||ый, -ая, -ое 1. ростбол, ростқанот; **~ое насекóмое** ҳашароти ростқанот 2. *в знач. сущ.* **прямокры́лые** *мн. зоол.* ростболҳо, ростқанотҳо *(мис. малах, нонхурак ва ғ.)*

прямолинéйность *ж* 1. ростӣ, ростхаттӣ 2. ростгуйӣ, росткорӣ, беғаразӣ; **~ харáктера** росткорӣ, беғаразӣ

прямолинéйн||ый, -ая, -ое (прямолине|ен, -йна, -йно) 1. рост, ростхат, мустақим; **~ое движéние** ҳаракати мустақим 2. ростгуй, росткор, беғараз; **~ый человéк** одами росткор

прямослóйн||ый, -ая, -ое ростқабата, росттабақа; **~ая древесúна** чуби ростқабата

прямотá *ж* ростгуӣ, ҳақгуӣ, росткорӣ, беғаразӣ, софдилӣ, кушодадилӣ; **~ ответа** беғаразии ҷавоб

прямотóчный, -ая, -ое *тех.* ...и ҷараёни рост, ...и маҷрои рост, ростҷараён; **~ котёл** деги ростҷараён

прямоугóльник *м* росткунҷа

прямоугóльный, -ая, -ое росткунҷа **~ треугóльник** секунҷаи росткунҷа

пря́ник *м* кулчаи қандин

пря́ничный, -ая, -ое ...и кулчаи қандин

пря́ность *ж* 1. дорувор доштан(и); **~ блюда** дорувор доштан(и) таом 2. *(вещество)* дорувор

прянуть *сов. уст.* якбора худро ба ақиб кашидан (партофтан)

пряный, -ая, -ое (прян, -а, -о) 1. тунд, тунду тез, тундбуй, тундмаза, доруворлор; **~ зáпах** буи тунд (тез) 2. *перен.* ҳаяҷоновар, ҳаяҷонбахш, муассир

пря́сло *с обл.* 1. *(жердь изгороди)* ходаи девора; *(изгородь)* қаторак, панҷара 2. *(для сушки снопов, сена)* чорпоя, сурӣ

прясть I *несов. что и без доп.* ресидан, риштан; **~ пряжу** ресмон ресидан; **~ на пря́лке** дар (бо) чарх ресидан

прясть II *несов.:* **~ ушáми** *см.* **прядать (прядать ушами)**

прятать *несов.* 1. *кого-что* пинҳон (руст) кардан, ниҳон (маҳфуз) доштан, ҷогоҳ карда мондан; **~ ключú** калидҳоро руст кардан; **~ шýбу на лéто** пустинро барои тобистон андохта мондан 2. *что перен.* пинҳон (ҷогоҳ) кардан, пинҳон (маҳфуз) доштан, махфӣ доштан; **~ свой мы́сли** фикри худро пинҳон кардан ◇ **~ глазá (взгляд)** чашм боло накардан, руй тофтан; **~ концы [в вóду]** изи (пай) кореро нест (гум) кардан, осор нагузоштан

прятаться *несов.* 1. пинҳон (руст) шудан, ҷогоҳ (қоим) шудан, худро пинҳон кардан; **~ в кустáх** дар байни бутта пинҳон шудан // *перен. разг.* пинҳон (пардапуш) кардан; **~ за словами** пардапуш карда гуфтан, гап додан (фурухтан) // *перен. разг. (избегать общества)* гушанишинӣ (гушагузинӣ) кардан, аз мардум гурехтан 2. аз назар ғоиб шудан, нопадид шудан; **рéчка пря́чется в камышáх** дарьёча дар найзор нопадид шуда меравад 3. *страд.* пинҳон карда шудан

прятки *тк. мн.* руст-рустакон; **играть в ~** 1) руст-рустакон бозӣ кардан 2) *перен.* пинҳонӣ амал кардан, пушида коре кардан

пряха *ж* зани нахрес (ресмонрес), зани ресанда, чархрес

псалом *м церк.* сураи Забур

псаломщик *м церк.* сурахон, забурхон

псалты́рь *ж и разг. м* китоби Забур, Забур

псарный, -ая, -ое ...и сагҳои шикорӣ, ...и кучукҳо; **~ двор [ҳавлии]** сагҳои шикорӣ

псáрня *ж* сагхона, кучукхона

псарь *м* сагбон, кучукбон

псевдо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дуруғ», «бардуруғ»:* **псевдонаука** илми дуруғ (ботил)

псевдоним *м* тахаллус, номи мустаор

псина *ж* 1. *разг.* гушти саг 2. *разг.* буи саг 3. *прост.* саг, саги нар. нарсаг

псин||ый, -ая, -ое *разг.* ...и саг; **~ый запах** буи; саг; **~ая морда** тумшуқи саг

псих *м прост.* девона, ҷунундор, сиррӣ

психастеник *м мед.* гирифтори касалии рӯҳӣ, васвосӣ

психастеническ||ий, -ая, -ое *мед.* ...и психастения, ...и касалии рӯҳӣ, ...и васвос; **~ие симптомы** аломатҳои психастения

психастения *ж мед.* психастения, касалии рӯҳӣ, васвос

психиатр *м* психиатр, духтури касалиҳои рӯҳӣ

психиатрическ||ий, -ая, -ое ...и психиатрия, ...и касалии рӯҳӣ; **~ая больница** касалхонаи бемориҳои рӯҳӣ, тиморхона, тимористон

психиатрия *ж* психиатрия *(соҳаи тиб, ки касалиҳои руҳиро меомӯзад ва муолиҷа мекунад)*

психика *ж* рӯҳ, руҳиёт, вазъияти рӯҳӣ; **здоровая ~** рӯҳи солим

психически *нареч.* рӯҳан; **он ~ болен** у рӯҳан касал аст

психическ||ий, -ая, -ое 1. рӯҳӣ; **~ие особенности** хусусиятҳои рӯҳӣ; **~ие болезни** касалиҳои рӯҳӣ 2. *в знач. сущ.* **психический** *м*, **психическая** *ж прост.* гирифтори касалии рӯҳӣ ◊ **~ая атака** ҳамлаи воҳимадор *(ҳамлае, ки мақсади он ба воҳима мононданӣ душман мебошад)*

психо: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «рӯҳ», «рӯҳӣ»*: **психотерапевтический** психотерапевти, ...и психотерапия

психоанализ *м* психоанализ *(усули муолиҷаи иллатҳои рӯҳӣ; таълимоти психологи дар бораи ҷараёни бешууронаи психики)*

психоаналитическ||ий, -ая, -ое психоаналитики, ...и психоанализ; **~ие исследования** тадқиқоти психоаналитики

психовать *несов. прост.* асабӣ шудан, асабонӣ шудан, худро ба девонагӣ задан, девона шудан

психоз *м мед.* 1. бемории рӯҳӣ 2. девонагӣ, ноқисулақлӣ, сирригӣ

психолог *м* 1. психолог, олими психология, мутахассиси психология 2. *(тонкий наблюдатель)* рӯҳияшинос, рӯҳшинос

психологизм *м* психологизм (1. *филос. равияи социологияи буржуазӣ, ки психологияи субъективӣ асоси он мебошад* 2. *майли дақиқона тасвир кардани рӯҳия, кайфият ва дуньёи ботинии инсон)*

психологический, -ая, -ое психологӣ, ...и психология, ...и руҳия; **~ анализ** таҳлили психологӣ; **~ роман** романи психологӣ

психология *ж* 1. психология *(илм дар бораи қонуниятҳои инкишоф ва шаклҳои фаъолияти психики)* 2. психологияи *(маҷмӯи процессҳои психики, ки шакли муайяни фаъолиятро мумкин мегардонад)*; **социальная ~** психологияи иҷтимоӣ 3. *(психика)* рӯҳ, рӯҳиёт, вазъияти рӯҳӣ

психопат *м* девона, ҷунундор, сиррӣ

психопатический, -ая, -ое ...и девона, ...и ҷунундор, ...и сиррӣ; ...и девонагӣ, ...и сирригӣ

психопатия *ж* девонагӣ, ҷунунӣ, сирригӣ

психопатка *женск. к* **психопат**

психопатолог *м* психопатолог, олими психопатология, мутахассиси илми бемориҳои рӯҳӣ

психопатологический, -ая, -ое ...и психопатология, ...и илми бемориҳои рӯҳӣ

психопатология *ж* психопатология, илми бемориҳои рӯҳӣ

психотерапевт *м* психотерапевт, духтур ва мутахассиси психотерапия

психотерапевтический, -ая, -ое психотерапевти, ...и психотерапия

психотерапия *ж* психотерапия *(муолиҷа ба воситаи таъсироти рӯҳӣ, мас. ба воситаи гипноз)*

психотехника *ж* психотехника *(соҳаи психологияи амалӣ)*

психотехнический, -ая, -ое ...и психотехника, психотехникӣ; **~ метод** усули психотехникӣ

психофизиологический, -ая, -ое ...и психофизиология

психофизиология *ж* психофизиология *(қисми психология, ки таносуби ҳодисаҳои рӯҳӣ ва дар асоси он процесси физиологиро меомӯзад)*; **~ труда** психофизиологияи меҳнат

психрометр *м* психрометр *(асбоби муайянкунандаи намнокии ҳаво)*

псов||ый, -ая, -ое ...и саг; **~ая охота** шикор бо саг

птаха *ж прост.* парранда, мурғак

пташка *ж см.* **птичка** 1; **ранняя ~** саҳархез, одами саҳархез

птенец *м* чуҷа // *уст. перен.* дастпарвард, тарбияёфта, шогирд ◊ **желторотый ~** хурусчуҷа; ҷавони хом (бетаҷриба)

птенчик *м уменьш.-ласк. к* **птенец**

птиц||а *ж* 1. парранда, мурғ; **хищные ~ы** паррандаҳои ваҳшӣ; **певчие ~ы** мурғи хушхон (хушилҳон) // *собир.* паррандаҳо, мурғон; **битая ~а** мурғони кушта, гушти мурғ 2. *перен. разг. ирон.* одам, кас; **что он за ~а?** вай чӣ хел одам аст?, вай аз кадом зот?; **не велика ~а** каси калон не ◊ **вольная ~а** марди озод, шахси соҳибихтиёр; **обстрелянная (стреляная) ~а** мурғи домдида, гурги борондида (полондида); **~а высокого полёта** шахси баландмақом, одами калон; **жить как ~а небесная** беғам зиндагонӣ кардан, лоуболона зистан, бепарво будан

птицевод *м* мурғпарвар, паррандапарвар, мурғдор, мутахассиси мурғдорӣ

птицеводство *с* мурғпарварӣ, парвариши мурғ, паррандапарварӣ, мурғдорӣ

птицеводческ||ий, -ая, -ое ...и мурғпарварӣ, ...и паррандапарварӣ, ...и мурғдорӣ; **~ая ферма** фермаи мурғпарварӣ

птицекомбинат *м* комбинати мурғпарварӣ

птицелов *м* шикорчии паррандагон, сайёди мурғон

птицеловство *с* шикори паррандаҳо, сайди мурғон

птицесовхоз *м* совхози мурғпарварӣ

птицефабрика *ж* фабрикаи (корхонаи) мурғпарварӣ

птицеферма *ж* фермаи мурғпарварӣ

птич||ий, -ья, -ье 1. ...и парранда, ...и мурғ, ...и мурғон; **~ье гнездо** ошьёнаи парранда, лонаи мурғ; **~ья клетка** қафаси парранда 2. *(как у птицы)* мурғмонанд; мурғ барин; **человек с ~ьим носом** шахси мурғбинӣ ◊ **~ий базар** бозори паррандаҳо *(ҷои ғуншавии паррандагони баҳрӣ)*; **~ий глаз** *бот.* чашми мурғ *(як навъи дарахти заранг)*; **~ий двор** паррандахона, мурғхона, катак; **на ~ьих правах** амонат; **с [высоты] ~ьего полёта** аз баландӣ; **[только] ~ьего молока недостаёт (не хватает)** ҳама чиз ҳаст, факат шири мург намерасад

птичка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **птица** 1; 2. *разг. (пометка)* ишора, аломат, нишона, қайд

птичник *м* 1. паррандахона, мурғхона, катак 2. мурғпарвар, паррандапарвар

птичница *женск. к* **птичник** 2

пуансон *м* 1. *тех.* пуансон *(қисми барҷастаи қолиб барои коркарди металл бо фишор* 2. *полигр. лавҳачаи пӯлодини матбаа барои тайёр кардани матрицаи ҳарфҳои қурғошимӣ)*

пуант||ы *мн.*: пуант *(нугӣ пойафзоли раққосаҳои балет)*; **ходить на ~ах** нуг-нуги пой ҳаракат кардан

публика *ж собир. (зрители, слушатели)* тамошобинон, шунавандагон // *разг. (народ)* мардум, одамон

публикаци||я *ж* 1. эълон кардан(и), нашр, интишор; **~я исторических документов** нашри ҳуҷҷатҳои таърихи 2. эълон, огоҳӣ; **поместить ~ю в газете** эълонро дар рузнома чоп кардан, дар рузнома эълон баровардан

публиковать *несов. что* эълон кардан, нашр кардан, интишор кардан (додан), чоп кардан; **~ архивные материалы** васиқаҳои архивро чоп кардан

публиковаться *несов. страд.* чоп карда шудан

публицист *м* публицист

публицистика *ж* публицистика (1. *адабиёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ* 2. *собир. осори адабие, ки аз масъалаҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ баҳс мекунад)*

публицистический, -ая, -ое публицисти, ...и публицистика; ...и публицист; **~ жанр** жанри публицистика

публично *нареч.* ба таври оммавӣ, дар пеши мардум, дар пеши умум; **выступить ~** дар пеши мардум суханронӣ кардан; **заявить ~** дар пеши умум эълон кардан

публичность *ж* умумият, умумӣ будан(и)

публичн||ый, -ая, -ое 1. умумӣ, ошкор, кушода; **~ое выступле́ние** суханронии умумӣ 2. *уст.* оммавӣ, умумӣ, халқӣ; **~ая библиотека** китобхонаи оммавӣ · **~ая же́нщина** фоҳиша; **~ое пра́во** ҳуқуқи умумӣ; **~ые торги́** савдои «кӣ зиёд?»

пу́гало *с* 1. хуса, матарс 2. *перен.* одами бадафт 3. *перен.* чизи даҳшатовар

пу́ган||ый, -ая, -ое тарсида, ваҳмида, рамида, хусида; **~ая ворона [и] куста́ бойтся** *посл.* ≈ моргазида аз ресмони ало метарсад

пугать *несов. кого-что* тарсондан, ваҳмондан, рамондан, хусондан

пугаться *несов.* тарсидан, ваҳмидан, рамидан, хусидан

пуга́ч I *м* таппончаи бозӣ, таппончаи қалъагӣ

пугач II *м зоол. обл.* *(филин)* бум

пугли́во *нареч.* тарсончакона, ҳаросона, хусида, буздилона

пугливость *ж* тарсончакӣ, тарсонокӣ, ҳаросонокӣ, рамандагӣ, хусандагӣ, буздилӣ

пугли́в||ый, -ая, -ое (пуглив, -а, -о) тарсончак, тарсу, тарсангез, ваҳмакӣ, ҳаросон, раманда, хусанда, буздил(она); **~ая лошадь** аспи раманда; **~ый взгляд** нигоҳи тарсомез

пугну́ть *сов. однокр. к* **пуга́ть**

пу́говиц||а *ж* тугма; **застегну́ть пальто́ на все ~ы** ҳамаи тугмаҳои пальторо гузарондан

пу́говичн||ый, -ая, -ое ...и тугма; **~ое произво́дство** истеҳсоли тугма

пуговк||а *ж уменьш. к* **пу́говица** ◇ **нос ~ой** *шутл.* бинии пучуқ, бинии пачақ

пуд *м* пут

пу́дель *м* пудель *(як навъ саги хонагии ҷингиламуй)*

пуделять *несов. охот. и прост.* ба ҳадаф нарасидан, хато задан

пу́динг *м* фириниӣ *(таоме, ки аз биринҷ ё ягон ярмаи дигар бо шириниҳо ва меваҳо пухта мешавад)*; **ри́совый ~** фиринии биринҷ(ӣ)

пудови́к *м уст. и обл.* 1. халтаи якпутӣ 2. санги якпутӣ

пудо́в||ый, -ая, ое, **пудово́й** -а́я, -о́е якпутӣ; **~ая гиря** санги якпути

пу́дра *ж* упо, упа ◇ **сахарная ~** хокаи қанд, қанди хока

пу́дреница *ж* қуттии упо

пу́дреный, -ая, -ое упо задашуда

пу́дрить *несов. что* упо молидан; **~ лицо́** ба руӣ упо задан

пу́дриться *несов.* ба худ упо молидан

пуза́н *м прост.* одами шикамкалон, одами шикамғафс

пуза́тый, -ая, -ое (пузат, -а, -о) 1. *прост.* шикамбадор 2. *разг.* шикамкалон; **~ самова́р** самовори шикамкалон

пу́зо *с прост.* шикамба; **отрастить ~** шикам мондан, шикам калон кардан

пузыр||ёк *м* 1. *уменьш. к* **пузырь** 1, 2; **на пове́рхности воды показа́лись ~ьки** дар руи об ҳубобчаҳо пайдо шуданд 2. шишача, шишаи хурд; **~ёк с лека́рством** шишачаи дору (дорудор)

пузыристый -ая, -ое (пузырист, -а, -о) *разг. см.* **пузырчатый**

пузыри||ть *несов. что разг.* фаххас занондан, лаппондан, лаппиш додан; **ве́тер ~т занаве́ски на о́кнах** шамол пардаи тирезаҳоро мелаппонад

пузырит||ься *несов. разг.* чашмак задан, кубла задан; **те́сто ~ся** хамир чашмак мезанад // *(об одежде и т. п.)* фаххас задан, лаппидан

пузырчатый -ая, -ое (пузырчат, -а, -о) пуфакдор, қубладор

пузы́р||ь *м* 1. пуфак, ҳубоб; **мы́льный ~ь** 1) пуфаки собун 2) *перен.* чизи нопойдор (бебако); **пуска́ть ~и** пуфакча сар додан 2. *разг.* *(волдырь)* обила, кубла 3. *анат.*: **мочево́й ~ь** масона, пешобдон, шошадон; **жёлчный ~ь** заҳрадон 4. зарф; **~ь со льдом** зарфи яхдор 5. *разг.* *(малыш)* буққача, лублунда · **ду́тый ~ь** ҳубоби руи об

пук *м* қабза, даста; **~ соло́мы** як қабза пахол; **~ воло́с** як қабза муй

пулев||о́й, -а́я, о́е ...и тир; **~а́я ра́на** захми тир

пулемёт *м* пулемёт; **станко́вый ~** пулемёти дастгоҳдор; **ручно́й ~** пулемёти дастӣ

пулемётн||ый, -ая, -ое ...и пулемёт, пулемёти; **~ая ле́нта** лентаи пулемёт; **~ая рота** ротаи пулемётчиён

пулемётчик *м* пулемётчӣ

пулемётчица *женск. к* **пулемётчик**

пуло́вер *м* пуловер *(як навъ пироҳани бофта)*

пульверизатор *м* пульверизатор, атрпошак

пульверизация *ж* пульверизация, бо атрпошак пошидан(и)

пульверизи́ровать *сов., несов. что* пульверизация кардан, бо атрпошак пошидан

пу́лька I *ж уменьш. к* **пу́ля**

пу́лька II *ж карт.* пулька *(як пайт бозии преферанс)*

пу́льман *м* пульман *(навъи махсуси вагони мусофиркашонӣ ва боркашонӣ)*

пу́льмановский, -ая, -ое ...и пульман, пульманӣ; **~ ваго́н** вагони пульманӣ

пульну́ть *сов. однокр. к* **пуля́ть**; **~ ка́мнем** санге андохтан (паррондан)

пульпа *ж* пульпа (1. *мед.* бофтаи тунуки мағзи дандон 2. *гидр.* лойоба 3. *мағзи мева)*

пульпи́т *м мед.* пульпит, касалии бофтаи даруни дандон

пульповод *м тех.* пульповод, қубури пульпакашӣ

пульпопровод *м см.* **пульпово́д**

пульс *м* 1. набз; **ча́стый ~** набзи тез; **слабый ~** набзи суст; **бие́ние ~а** задани набз; **пощу́пать ~** набз гирифтан, набзро дидан 2. *перен.* суръат, ҳаракат, тапиш, ҷараён; **~ обще́ственной жизни** ҳаракати ҳаёти ҷамъиятӣ

пульсация *ж* *(по знач. гл.* **пульси́ровать)** задан(и), тапиш, кор; **~ се́рдца** задани дил, кори дил

пульси́ровать *несов.* 1. задан, тапидан, кор кардан *(оид ба дил)* // ҳаракат кардан *(оид ба хун)* 2. *тех.* каму зиёд шудан

пу́льсов||ый, ая, -ое ...и набз; **~ые уда́ры** заданҳои набз

пульт *м* 1. пульт, нотамонак, пештахта, лавҳи нотагузорӣ; **дирижёрский ~** пульти дирижёр 2. *тех.* пульт, лавҳа *(мизе, ки дар руяш асбобҳои ченкунии қувваи электр ва идоракунии мошинаҳои станцияи электр шинонда шудаанд)*; **~ электроста́нции** пульти станцияи электр

пу́л||я *ж* тир, гулула; **свист ~ь** ваззози тирҳо ◇ **отливать (лить) ~и** *прост.* дуруғ бофтан, муҳобот кардан, газоф гуфтан; **пустить [себе́] ~ю в лоб** худро парронда куштан; **вы́лететь ~ей** *прост.* тир барин паридан, дартоз рафтан, парида рафтан

пуля́ть *несов. прост.* тир паррондан, тир андохтан, тир холӣ кардан // *чем* паррондан, задан, партофтан; **~ камня́ми** санг паррондан, сангсор кардан

пу́ма *ж зоол.* пума *(навъи хурди палангӣ Америка)*

пункт *м* 1. пункт, нуқта, маҳал, ҷой; **кома́ндный ~** пункти фармонфармоӣ (фармондиҳӣ); **наблюдательный ~** дидбонгоҳ; **населённый ~** ҷои (мавзеи) аҳолинишин; **ссыпно́й ~** анбори ғалларезӣ 2. модда, банд; **~ до́гово́ра** моддаи шартнома 3. нуқта, давра, марҳила; **исхо́дный ~** марҳилаи аввал; **кульминацио́нный ~** авҷ 4. *полигр.* пункт ◇ **по ~ам**. **~ за ~ом** бо тартиб, мураттабан, нуқта ба нуқта

пу́нктик *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **пункт** 1, 2; 2. *перен. шутл.* ғаробат, аҷобат; **э́то его́ ~** ин шаммае аз аҷоиботи уст, ин қилиқи хуши уст

пункти́р *м* қаторнуқта; **поме́тить ~ом** қаторнуқта мондан (гузоштан)

пункти́рн||ый, -ая, -ое қаторнуқтанок, қаторнуқтадор, нуқта-нуқта; **~ая ли́ния** раҳи нуқта-нуқта

пунктуа́льно *нареч.* нуқта ба нуқта, пухтакорона, мураттаб, дақиқона

пунктуа́льность *ж* нуқта ба нуқта будан(и), пухтакорона (мураттаб, дақиқона, диққаткорона) будан(и)

пунктуа́льный, -ая, -ое (пунктуа́|лен, -льна, -льно) нуқта ба нуқта, пухтакор, мураттаб, дақиқ; **~ челове́к** одами пухтакор

пунктуацио́нн||ый, -ая, -ое *грам.* ...и аломатҳои китобат, ...и пунктуация; **~ые пра́вила** қоидаҳои аломатҳои китобатӣ

пунктуация *ж грам.* гузоштани аломатҳои китобатӣ, пунктуация // *уст.* аломатҳои китобатӣ

пу́нкция *ж мед.* сузан задан(и), иештар задан(и), бо сузан сурох кардан(и), рагзанӣ *(барои фиристодани дору ба ягон узв, гирифтани ҳароммағз, баровардани фасод, муайян кардани касалӣ ва ғ).*

пунсон *м см.* пуансон

пунцо́в||ый, -ая, -ое анорӣ, лолагун, сурхи кушод; **~ая ро́за** садбарги сурхи кушод

пунш *м* пунш *(нушокии спиртдор, ки аз шароб бо оби ҷӯш, шарбати лиму ва ғ. омехта тайёр карда мешавад)*

пу́ншев||ый, -ая, -ое ...и пунш, пунши; пуншдор; **~ая конфе́та** конфети пуншдор

пу́ня *ж обл.* каҳхона, каҳдон

пуп *м разг. см.* **пупо́к** ◇ **~ земли** *ирон.* сутуни дунъё

пупови́на *ж анат.* наи ноф

пупо́к *м* 1. ноф 2. *(у птиц)* нофӣ, мушаки нофӣ

пупо́чн||ый, -ая, -ое ...и ноф; **~ая гры́жа** боди фатаҷи ноф

пупы́ристый, -ая, -ое (пупырист, -а, -о) *прост. см.* **пупы́рчатый**

пупы́рчат||ый, -ая, -ое (пупырчат, -а, -о) *разг.* рихнакдор, гармичадор, доначадор; **~ая ко́жа** пусти рихинакдор

пупы́рышек *м разг.* рихинак, гармича, донача

пурга́ *ж* бурон, туфон, барфу шамоли сахт

пури́зм *м* 1. хушахлоқтарошӣ 2. *лингв.* пуризм *(кӯшиши аз ҳад зиёд барои тоза нигоҳ доштани забон, мубориза ба муқобили ҳар гуна калимаҳои бегона ва нававари ҳои услубӣ)*

пури́ст *м* пурист, тарафдори пуризм

пуристи́ческий, -ая, -ое *см.* **пури́стский**

пури́стка *женск. к* **пури́ст**

пури́стский, -ая, -ое ...и хушахлоқтарошӣ; ...и пуризм, пуристӣ, ...и пурист

равнозна́чн||ый, -ая, -ое (равнозна́ч|ен, -на, -но) баробарахамият, баробарқимат; **~ые величи́ны** бузургиҳои баробарқимат

равноме́рно *нареч.* мунтазам, баробар, ба як андоза; **~ распредели́ть обя́занности** вазифаҳоро баробар тақсим кардан

равноме́рность *ж* мунтазамӣ, якзайлӣ; **~ движе́ния** якзайлии ҳаракат; **~ разви́тия** мунтазамии тараққиёт

равноме́рн||ый, -ая, -ое (равноме́р|ен, -на, -но) мунтазам, якхела, якзайл; **~ая ско́рость** суръати мунтазам

равнопле́чий, -ая, -ее *физ.* баробаркифт; **~ рыча́г** фашанги баробаркифт

равнопра́вие *с* баробарҳуқуқӣ; **по́лное ~** баробарҳуқуқии пурра (комил); **~ же́нщин** баробарҳуқуқии занҳо

равнопра́вность *ж* баробарҳуқуқӣ; **~ национа́льностей** баробарҳуқуқии миллатҳо

равнопра́вный, -ая, -ое (равнопра́в|ен, -на, -но) баробарҳуқуқ

равноси́льн||ый, -ая, -ое (равноси́л|лен, -льна, -льно) 1. баробар, баробарқувва: **~ые борцы́** гуштигирони қуваашон баробар 2. баробар, баробарахамият; **успе́х, ~ый побе́де** комьёбии ба ғалаба баробар

равностепе́нный, -ая, -ое баробардараҷа, баробармартаба

равносторо́нний, -ая, -ее *мат.* баробарпаҳлу, баробартараф; **~ треуго́льник** секунҷаи баробартараф

равноуго́льный, -ая, -ое *мат.* баробаркунҷа, баробарзовия; **~ многоуго́льник** бисьёркунҷаи баробаркунҷа

равноуско́ренн||ый, -ая, -ое *физ.* баробарсуръат, мунтазамсуръат; **~ое движе́ние** ҳаракати баробарсуръат

равноце́нность *ж* баробаркимат (баробарарзиш) будан(и), баробарии қадру қимат

равноце́нн||ый, -ая, -ое (равноце́н|ен, -на, -но) 1. баробарқимат, баробарарзиш; **~ые това́ры** молҳои баробарқимат 2. баробар, баробарахамият; баробарвазн

равночи́сленный, -ая, -ое (равночисле́н, -на, -но) баробармиқдор, баробар

ра́вн||ый, -ая, -ое (рав|ен, -на́, -но) 1. баробар; **~ые си́лы** қувваҳои баробар; **в ~ой ме́ре** ба як андоза; **он не име́ет себе́ ~ых** вай ба худ ҳамто надорад, вай беназир аст 2. баробар, баробарҳуқуқ; **на ~ых права́х** бо ҳуқуқи баробар ◇ **~ым о́бразом** ҳамчунин; мисли ҳамин; **быть (стоя́ть) на ~ой ноге́ с ке́м-л.** бо касе баробар будан

равня́ть *несов. кого-что* 1. баробар кардан 2. *с кем-чем* баробар кардан (шумурдан); **его́ нельзя́ ~ с други́ми** уро бо дигарон баробар шумурдан мумкин нест

равня́||ться *несов.* 1. *с кем разг.* баробар шудан; **где мне с ним ~ться!** ман чӣ тавр бо вай баробар шуда метавонам! 2. баробар шудан, расида гирифтан 3. *по кому-чему* қатор шудан, саф кашидан // *повел.* **~йся!, ~йсь!** саф оро! 4. *по кому, на кого перен.* ибрат гирифтан; **~ться на передовико́в произво́дства** аз пешқадамони истеҳсолот ибрат гирифтан 5. *чему* баробар (мусовӣ) будан; **три́жды три ~ется девяти** се карат се [баробар ба] нуҳ

рагу́ *с нескл.* рагу (*як хел кабоби дегӣ*)

рад, -а, -о, -ы *в знач. сказ.* 1. *кому-чему с неопр. и с союзом «что»*; **все ~ы прихо́ду весны́** ҳама аз омади баҳор хурсанд; **я ~ вас ви́деть** ман аз диданн шумо шодам; **она́ была́ ~а, что сын прие́хал** у аз омадани писараш хурсанд шуд 2. *с неопр.* ҳозир, тайёр; **он всегда́ ~ всем помо́чь** вай доимо тайёр, ки ба ҳама ёрдам расонад; **~ бы отдохну́ть, да не́когда** муштоқи истироҳат ҳастам, вале фурсат нест ◇ **и не ~, [и] сам не ~** аз ин кор пушаймон ҳастам; **~ [или] не ~** розӣ ё не, аҳамият надорад; **~-радёхонек, ~-радёшенек** шоду хурсанд; **жи́зни не ~** аз ҷон безор; **~ы стара́ться!** 1) *уст.* хизмат аз мо! (*ҷавоби солдат ба таърифи сардорҳо дар давраи тореволюционӣ*); 2) бо ҷону дил!

ра́да *ж* рада (1. *ист. номи совет дар Украина* 2. *номи таърихии совет ва маҷлисҳои халқи дар Украина, Белоруссия, Литва ва Польша*)

рада́р *м* радар

радарн||ый, -ая, -ое ...и радар; **~ая ста́нция** станцияи радар

раде́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **раде́ть** 1) ғамгусорӣ; ҷидду ҷаҳд 2. *рел.* ҷаҳр, риёзат

раде́тель *м уст.* ғамгусор

раде́тельница *женск. к* **раде́ть**

раде́тельный, -ая, -ое (раде́те|лен, -льна, -льно) *уст.* ғамгусор; серғайрат; **~ хозя́ин** хуҷаини серғайрат

раде́ть *несов.* 1. *о ком-чём уст. и прост.* ғамгусорӣ кардан: кӯшиш (саъй) кардан 2. *рел.* риёзат кашидан

радёхонек, радёшенек, -нька, -нько *разг.* шоду хурсанд; **рад-~** шоду хурсанд

раджа́ *м ист.* роҷа

ра́ди *предлог с род.* 1. барои..., аз барои..., баҳри..., ба хотири...; **~ тебя́** барои ту; **~ на́шей дру́жбы** ба хотири дустии мо 2. (*указывает на цель*) барои..., бо мақсади..., аз барои...; **~ развлече́ния** барои хурсандӣ; **~ чего́ ты э́то сде́лал?** ту ин корро барои чӣ кардӣ? ◇ **~ бо́га (Христа́), Христа́ ~** аз барои худо

радиа́льный, -ая, -ое радиалӣ

радиа́тор *м* радиатор (1. *батареяҳои обӣ ё буғӣ барои гарм кардани биноҳо* 2. *асбоби хунуккунаки оби мотор*)

радиацио́нн||ый, -ая, -ое ...и радиация, радиационӣ; **~ая обстано́вка** шароити радиационӣ; **~ые ме́тоды обрабо́тки мета́ллов** усулҳои радиационии коркарди металлҳо

радиа́ция *ж физ.* радиация; **со́лнечная ~** радиацияи офтоб

ра́диев||ый, -ая, -ое ...радий, радийдор; **~ая руда́** маъдани радий

ра́дий *м хим.* радий (*элементи химиявӣ, металл*)

радика́л I *м* радикал (*тарафдори чорабиниҳои қатъӣ*)

радика́л II *м* радикал (1. *мат. аломати реша, ки он амали аз реша баровардан ва натиҷаи ин амалро ифода мекунад* 2. *хим. гурӯҳи атомҳо дар молекула, ки аз як таркиби химиявӣ ба дигараш бетағьир мегузаранд*)

радикали́зм *м* радикализм (1. *чорабиниҳои қатъӣ* 2. *равияи сиёсии буржуазӣ ё майдабуржуазӣ, ки ба шарти пойдор истодани буньёди сохти буржуазӣ гузаронидани ислоҳоти демократиро талаб мекунад*)

радика́льно *нареч.* қатъиян, ба таври қатъӣ; **~ измени́ть своё отноше́ние к чему́-л.** муносибати худро ба чизе қатъиян дигар кардан

радика́льность *ж* қатъият, қатъӣ будан(и); **~ мер** қатъӣ будани чорабиниҳо

радика́льн||ый, -ая, -ое (радика́|лен, -льна, -льно) қатъӣ; **~ые сре́дства** чораҳои қатъӣ

радикули́т *м мед.* радикулит

ра́дио *с нескл. в разн. знач.* радио; **провести́ ~** радио гузаронидан; **слу́шать ~** радио шунидан; **переда́ть по ~** ба воситаи радио шунавондан

радио- I *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «радио»*: **радиоаппара́т** аппарати радио; **радиосообще́ние** ахбороти радио

радио- II *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «радий»*: **радиолече́ние** муолиҷа бо радий

радиоакти́вность *ж* радиоактивият (*таҷзияи табиӣ ё сунъии ядрои атомҳои элементҳои химиявӣ, ки дар натиҷа онҳо дигар зарраҳои элементарӣ хориҷ мекунанд*); **~ ура́на** радиоактивияти уран

радиоакти́вн||ый, -ая, -ое (радиоакти́в|ен, -на, -но) ...и радиоактив, ...и радиоактивият; **~ые вещества́** моддаҳои радиоактив; **~ый распа́д** таҷзияи радиоактивият

радиоаппарату́ра *ж собир.* аппаратураи радио

радиоастроно́мия *ж* радиоастрономия (*фасли астрономия, ки ҷирмҳои осмониро аз руи радиомавҷҳои онҳо афканда тадқиқ мекунад*)

радиобиоло́гия *ж* радиобиология (*илм дар бораи таъсири афканишоти радиоактив ба мавҷудоти зинда*)

радиовеща́ние *с* радиошунавонӣ

радиовеща́тельн||ый, -ая, -ое ...и радиошунавонӣ; **~ая ста́нция** станцияи радиошунавонӣ

радиови́димост||ь *ж* радиопадидӣ; **зо́на ~и** минтақаи радиопадидӣ

радиоволна́ *ж физ.* мавҷи радио

радиовы́шка *ж* манораи радио

радиогра́мма *ж* радиограмма

радиогра́фия *ж* радиография (1. *усули фотографии қайди афканишоти ионзо* 2. *сурати фотографие, ки ба туфайли таъсири афканишоти ионзо ба фотоэмульсия гирифта мешавад*)

радиодеталь *ж* детали (қисми) радио
радиодефектоскопия *ж* радиодефектоскопия, радиоташхис *(усули бо мавҷи радио ошкор кардани нуқсу иллати дохилии ашьё)*
радиозавод *м* заводи радио
радиозонд *м* радиозонд *(болуни махсуси обу ҳавосанҷӣ)*
радиоклуб *м* клуби дустдорони радио
радиокомментатор *м* шореҳи радио
радиокомпаратор *м* радиокомпаратор *(олати ченкунии шиддати майдони магнитии мавҷҳои радио)*
радиокомпас *м* радиокомпас *(олати аэронавигация барои муайян кардани самти парвози самолёт)*
радиола *ж* радиола
радиолампа *ж* лампаи радио
радиолечение *с* муолиҷа бо радий
радиолог *м* радиолог (1. *мутахассиси илми радиология* 2. *духтуре ки беморонро воситаи шуоафкании моддаҳои радиоактив муолиҷа мекунад*)
радиологическ||ий, -ая, -ое радиологи; **~ое оружие** аслиҳаи радиологи *(аслиҳаи нави қатли ом, ки ба таъсири марговари афканишоти электромагнити асос ёфтааст)*
радиология *ж* радиология *(илм дар бораи таъсир ва истифодаи радий ва инчунин дигар моддаҳои радиоактив)*
радиолокатор *м* радиолокатор
радиолокационн||ый, -ая, -ое ...и радиолокация, радиолокационӣ; **~ая станция** станцияи радиолокационӣ
радиолокация *ж* радиолокация *(муайян кардани ҷой ва масофаи объектҳо ба воситаи мавҷҳои радио)*
радиолюбитель *м* ҳаваскори радио
радиолюбительский, -ая, -ое ...и ҳаваскори радио; **~ кружок** кружоки ҳаваскорони радио
радиомастерская *ж* устохонаи таъмири радио, устохонаи радиотаъмиркунӣ
радиомаяк *м* радиомино *(станцияи радио, ки киштӣ ва самолётҳо аз рӯи сигналҳои он ҷои худро муайян мекунанд)*
радиометеорологическ||ий, -ая, -ое радиометеорологӣ; **дрейфующая автоматическая ~ая станция** станцияи сайёри автоматии радиометеорологӣ
радиометеостанция *ж* радиометеостанция; **дрейфующая ~** радиометеостанцияи сайёр
радиометр *м* радиометр (1. *олати ченкунии иқтидори афканишоти электромагнитӣ* 2. *олоти ошкор кардани моддаҳои радиоактив аз рӯйи афканишоти ашьё*)
радиометрическ||ий, -ая, -ое радиометрӣ; **~ий анализ** таҳлили радиометрӣ; **~ая разведка** иктишофи радиометрӣ
радионаблюдение *ж* радиомушоҳида; **~ Солнца** радиомушоҳидаи Офтоб
радионавигация *ж* радионавигация *(рондани киштӣ ва самолётҳо ба воситаи асбобҳои радиотехникӣ)*
радиопеленгатор *м* радиопеленгатор *(асбобе, ки аз рӯи самти пароканиши мавҷҳои радио ҷои радиостанцияро муайян мекунад)*
радиопередатчик *м* радиопередатчик
радиопередача *ж* гуфтори радио
радиоперехват *м* радиодастгирӣ *(дошта гирифтани ахбори радиои душман)*; **группа ~а** гурухи радиодастгирандагон; **средства ~а** воситаҳои радиодастгирӣ
радиопилот *м* радиопилот *(олоти бо радио идора кардани самолёт)*
радиопомехи *мн.* радиохалалҳо *(ҳамаи он чизе, ки ба афканишоту қабули радиомавҷҳо халал мерасонад)*
радиоприёмник *м* радиоприёмник
радиоприёмн||ый, -ая, -ое ...и радиоқабулкунӣ; **~ая установка** дастгоҳи қабули мавҷҳои радио
радиорубка *ж* радиохона *(дар киштӣ ва самолётҳо)*
радиорупор *м* карнаи радио
радиосвязь *ж* алоқаи радио
радиосеть *ж* шабакаи радио
радиослушатель *м* шунавандаи радио
радиослушательница *женск. к* **радиослушатель**
радиостанция *ж* радиостанция, станцияи радио; **приёмная ~** радиостанцияи қабул
радиостудия *ж* студияи радио
радиотелеграмма *ж см.* **радиограмма**
радиотелеграф *м* 1. радиотелеграф 2. радиотелеграфхона, идораи телеграфи радио
радиотелеграфия *ж* радиотелеграфия *(қабул ва интишори хабар ба воситаи радио)*
радиотелеграфный, -ая, -ое ...и радиотелеграф, радиотелеграфӣ
радиотелефон *м* радиотелефон
радиотелефония *ж* радиотелефония *(ба воситаи радио қабул кардан ва фиристонидани нутқ, мусиқӣ ва ғ.)*
радиотелефонный, -ая, -ое ...и радиотелефон, радиотелефонӣ
радиотерапия *ж* муолиҷа бо радий
радиотехник *м* радиотехник, техники радио
радиотехника *ж* радиотехника
радиоточка *ж* нуқтаи радио
радиотрансляционн||ый, -ая, -ое ...и радиотрансляция, радиотрансляционӣ; **~ая сеть** шабакаи радиотрансляция
радиотрансляция *ж* радиотрансляция
радиоузел *м* радиоузел; **сельский ~** радиоузели деҳа
радиоустановка *ж* дастгоҳи радио
радиофизика *ж* радиофизика *(соҳаи физика, ки процессҳои ангезиш, тақвият, табдил, пароканиш ва қабули радиомавҷҳоро меомузад)*
радиофикация *ж* радиофикация; **~ села** радиофикацияи деҳа
радиофицировать *сов., несов. что* радиофикация кардан
радиофицироваться 1. *сов., несов.* радиофикация шудан 2. *несов. страд.* радиофикация карда шудан
радиохимия *ж* радиохимия *(соҳаи химия, ки хусусиятҳои физикию химиявии элементҳои радиоактивро меомузад)*
радиоцентр *м* маркази радио
радиоэлектроника *ж* радиоэлектроника
радировать *сов., несов.* ба воситаи радио хабар додан
радист *м* радист, радиочӣ
радистка *женск. к* **радист**
радиус *м* 1. *мат.* радиус, шуоъ, қутоъ *(хати рост, ки нуқтаи маркази доираро ё кураро бо ягон нуқтаи хати доира ё сатҳи кура пайваст мекунад)* 2. *перен.* доира, ҳудуд; **~ действия авиации** доираи амалиёти авиация
радовать *несов. кого-что* хурсанд (шод, хушнуд) кардан; **успехи ученика радуют учителя** муваффақиятҳои хонанда муаллимро хурсанд мекунанд ◇ **~ глаз (взор)** ба чашм ҳаловат бахшидан; **~ слух** ба гуш форидан
радоваться *несов.* хурсанд (шод, хушнуд) шудан; **~ чьим-л. успехам** аз муваффақиятҳои касе шод шудан; **душа радуется** кас хурсанд мешавад
радон *м хим.* радон *(элементи химиявии радиоактив)*
радоновый, -ая, -ое ...и радон, радонӣ; радондор; **~ газ** гази радон
радостно 1. *нареч.* хурсандона, хушнудона, хуррамона; **~ встретить кого-л.** касеро хурсандона пешвоз гирифтан 2. *в знач. сказ. безл.* хурсанд (шод, хушнуд, хуш, фараҳманд) аст; **мне стало ~** ман хурсанд шудам
радостн||ый, -ая, -ое (радост|ен, -на, -но) 1. хурсанд(она), шодмон, хушнуд(она), хуррам; **~ый день** рузи хурсандӣ; **~ое лицо** чеҳраи хуш; **~ый взгляд** нигоҳи хушнудона 2. хурсандиовар, фараҳбахш, фараҳманд; **~ое событие** ҳодисаи хурсандиовар
радост||ь *ж* 1. хурсандӣ, шодӣ, хушнудӣ, шодмонӣ, хушӣ; **не помнить себя от ~и** аз шодӣ худро гум кардан; **в его глазах светилась ~ь** аз чашмонаш ҳисси шодӣ ҳувайдо буд // *чаще мн.* **радости** шодӣ, сурур, фараҳ; **~и жизни** шодиҳои зиндагӣ 2. фараҳ, хурсандӣ; **какая ~ь!** чи хурсандӣ! 3. *обращ. разг.* ҷон, азиз, ширин; **~ь моя** ҷонам, азизам ◇ **на ~ях** аз хурсандӣ; **не в ~ь кому** моян ғаму андӯх; **с ~ью** ба ҷону дил; **с какой ~и?** *неодобр.* чаро?, аз барои чӣ?
радуг||а *ж* камон қузаҳ, тирукамон, рангинкамон; **цвета ~и** рангҳои тирукамон
радужина *ж анат.* инабия
радужка *ж анат. и прост.* инабия
радужно *нареч.* бо умеди нек; **~ смотреть на будущее** ба оянда бо умеди нек нигаристан
радужность *ж* хушӣ, умедбахшӣ, фараҳбахшӣ
радужн||ый, -ая, -ое (радуж|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* тирукамонранг,

рангоранг; ~ый **отли́в** тобишҳои рангоранг 2. *перен.* хуш, форам, умедбахш, фараҳбахш; ~ые **надежды** умедҳои фараҳбахш; ~ое **настрое́ние** димоғи чоқ ◇ ~ая **оболо́чка** *анат.* инабия; **ви́деть (представля́ть) что́-л. в ~ом све́те** ба чизе бо назари нек нигаристан

ра́дуница *ж* радуница *(дар русумоти насронӣ дуою фотиҳа ба мурдагон дар ҳафтаи аввали баъд аз пасха)*

раду́шие *с* меҳрубонӣ, навозиш, лутф, илтифот, меҳмоннавозӣ; **прояви́ть** ~ меҳрубонӣ кардан

раду́шно *нареч.* меҳрубонона, навозишкорона, фараҳмандона, меҳмоннавозона; ~ **встре́тить госте́й** меҳмононро меҳрубонона пешвоз гирифтан

раду́шный, -ая, -ое (радуш|ен, -на, -но) меҳрубон(она), навозишкор(она), боилтифот, меҳмоннавоз; ~ **хозя́ин** соҳибхонаи меҳрубон; **оказа́ть** ~ **приём** навозишкорона қабул кардан

раёк *м уст.* 1. чодирхаёл *(қуттиест дурбиндор, ки дар вай суратҳои гуногуни аҷоибу ғароибро нишон медоданд)* 2. *лит.* бадеҳа 3. *театр.* раёк, галёрка *(болохонаи театр барои нишастани тамошобинон)*

раж *м разг.* ҷунун; **войти́ (прийти́) в** ~ ҷунун гирифтан

ра́жий, -ая, -ее *прост.* ғуладинг, чорпаҳлу, шуданӣ

раз I *м* 1. бор, мартаба, дафъа, карат; **оди́н** ~ як бор, як мартаба; **сто раз** сад бор; **не́сколько раз** якчанд бор; **мно́го раз** борҳо; **в сле́дующий** ~ дафъаи дигар, бори дигар; **в друго́й** ~ минбаъд, дафъаи дигар; **в после́дний** ~ дафъаи охирин; **с пе́рвого** ~**а** дафъатан 2. *нескл.* як; ~, **два, три** як, ду, се ◇ ~-**друго́й** як-ду бор, як-ду дафъа; ~ **за** ~**ом** пайваста, пай дар ҳам, пай дар пай; ~**[и] навсегда́** қатъиян, дафъаи аввалу охир; ~ **от** ~**у** дафъа ба дафъа; **друго́й (ино́й)** ~ *прост.* баъзан, гоҳ-гоҳ; **в са́мый** ~ 1) *(вовремя)* айни муддао, дар вақташ; **мы пришли́ в са́мый** ~ мо дар вақташ омадем 2) *(подходит)* боб, соз, муносиб 3) *(впору)* худи худаш, айнан, лоппа-лоиқ; **сапоги́ в са́мый** ~ музаи лоппа-лоиқ; **в тако́м** ~**е** *прост.* дар ин сурат, агар ин тавр бошад, он гоҳ; **как** ~ 1) *(точно)* расо; 2) *(впору)* худи худаш, айнан, лоппа-лоиқ; **не** ~ на як бор, борҳо; **ни** ~**у не...** ҳеҷ вақт, ҳеҷ гоҳ, ҳаргиз, ягон бор ҳам; **ни в ко́ем** ~**е** ҳеҷ вақт, ҳеҷ гоҳ; **вот те [и]** ~! ана халос!, ана гап (кор)!; ~-**два [да] и гото́во** шарт-шурт — вассалом, ҳа нагуфта тайёр мешавад; ~-**два [да] и обчёлся** то ана-мана гуфтан тамом шуд; ~ **на** ~ **не прихо́дится** гоҳ чуну — гоҳ чунон; ~ **плю́нуть** *прост.* як пула кор не

раз II *в знач. сказ. прост.* шарти (қарси) зад (задам, задӣ *ва ғ.*); **он** ~ **его́ по руке́!** у шарти ба дасти вай зад!

раз III *нареч.* боре, як бор; рузе, як рӯз, вақте, як вақт, ҳангоме; **оди́н** ~, **когда́...** рузе, дар вақти...; ~ **но́чью...** боре шабона

раз IV *союз усл. разг.* агар, модоме ки..., азбаски...; ~ **он пришёл, я оста́нусь** модоме ки вай омад, ман мемонам

раз= (**разо**=, **разъ**=, **рас**=) *приставка* 1. *префикси феълӣ ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *тақсимкунӣ, майдакунӣ* — **разби́ть** шикастан, майда-майда кардан; **разлома́ть** шикастан, пора-пора (тикка-тикка) кардан 2) *ҷудо кардан, кушодан* — **развяза́ть** кушодан, боз (яла) кардан 3) *тақсимот* — **разда́ть** тақсим карда додан 4) *пош додан, паҳн кардан* — **разбры́згать** пошидан, чошидан 5) *(бо ҳиссачаи «ся») аз як ҷо ба ҳар тараф ҳаракат кардани касе, чизе* — **разбежа́ться** ба ҳар тараф гурехтан 6) *фаро гирифтани тамоми руи чизе бо коре* — **разрисова́ть** аз нақшу нигор пур кардан 7) *ноил шудан ба мақсаде, ба нияте* — **разбогате́ть** бой шудан 8) *даст кашидан аз кори (мақсади) пештара* — **разлюби́ть** дил кандан 9) *шиддати амал* — **разукра́сить** орою торо додан 10) *(бо ҳиссачаи «ся») ба дараҷаи ифрот расондани коре (мақсаде, нияте)* — **разыгра́ться** саргарми бозӣ шудан 2. *ҳамчун префикси калимасоз барои сохтани исм ва сифат, ки хусусият ё дараҷаи олии предметро мефаҳмонад* — **разуда́лый** бебок

разагити́ровать *сов. кого-что разг.* 1. ташвиқ карда ба ақидае овардан 2. ташвиқ карда аз ақидае гардондан

разале́ться *сов. разг.* суп-сурх шудан, гулгун шудан

раза́хаться *сов. разг.* бисьёр оҳу воҳ кардан

разбави́тель *м* ҳаллоб *(моеъ барои ҳал кардани лок ё ранг)*

разба́вить *сов. что* равонтар (суюктар) кардан; ~ **молоко́ водо́й** ба шир об қатӣ кардан

разба́виться *сов. разг.* равонтар (суюктар) шудан

разба́вка *ж разг. см.* **разбавле́ние**

разбавле́ние *с (по знач. гл.* **разба́вить**) суюккунӣ; *(по знач. гл.* **разба́виться**) суюкшавӣ

разбавля́ть *несов. см.* **разба́вить**

разбавля́ться *несов.* 1. *см.* **разба́виться**; 2. *страд.* омехта шудан, суюқтар карда шудан, қатӣ карда шудан

разбазаривание *с (по знач. гл.* **разбазарить**) исрофкорӣ, барбоддиҳӣ; ~ **средств** исрофи маблағ

разбаза́ривать *несов. см.* **разбаза́рить**

разбаза́риваться *несов. страд.* исроф карда шудан

разбаза́рить *сов. что разг.* исроф кардан, бар бод додан, беҳуда сарф кардан; ~ **де́ньги** пулро исроф кардан

разба́ливаться I, II *несов. см.* **разболе́ться** I, II

разбаловать *сов. кого разг.* беҳад эрка кардан; ~ **ребёнка** кудакро беҳад эрка кардан

разбалова́||ться *сов. разг.* 1. беҳад эрка шуда рафтан; **де́ти** ~**лись** кудакон беҳад эрка шуда рафтаанд 2. бенухта шудан

разба́лтывать I, II *несов. см.* **разболта́ть** I, II

разба́лтываться I, II *несов. см.* **разболта́ться** I, II

разбе́г *м (по знач. гл.* **разбежаться** 2) сахт давидан; **взять** ~ барои ҷастан сахт давидан; **с** ~**а** давида омада; **перескочи́ть кана́ву с** ~**а** давида омада аз ҷуй ҷаҳидан

разбе́гаться *сов. разг.* ба ҳар тараф сахт давидан, сахт давутоз кардан

разбега́ться *несов. см.* **разбежа́ться**

разбежа́||ться *сов.* 1. ба ҳар тараф гурехтан, пароканда шудан; **де́ти** ~**лись в ра́зные сто́роны** бачагон ба ҳар тараф гурехтанд // *перен.* пароканда шудан; **ту́чи** ~**лись** абрҳо пароканда шуданд 2. сахт давидан; ~**ться и пры́гнуть** сахт давида ҳаллос задан ◇ **у него́ глаза́** ~**лись** чашмони вай ба ҳар су давиданд

разбе́жка *ж разг. см.* **разбе́г**

разбереди́ть *сов. что* 1. озурдан, озор додан, дард кунондан, ба дард овардан; ~ **рану** ба ҷароҳат расида дард кунондан 2. *перен.* безобита кардан, ба ташвиш андохтан, мушавваш кардан; ~ **ду́шу** безобита кардан // *перен.* барангехтан, ба шур овардан; ~ **чьё-л. самолю́бие** ба иззати нафси касе расидан

разбереди́ться *сов. разг.* озурда шудан, дард кардан *(о ране, о больном месте)*

разбива́ние *с (по знач. гл.* **разби́ть** 1, 2) шиканиш; зараррасонӣ, вайрон кардан(и)

разбива́ть *несов. см.* **разби́ть**

разбива́ться *несов.* 1. *см.* **разби́ться**; 2. *страд.* шикаста шудан; вайрон карда шудан

разби́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **разби́ть** 1,5—10) шикастан(и), майда-майда кардан(и); тақсим; бар бод додан(и); шинондан(и), сохтан(и); кушодатар кардан(и); молида мулоим кардан(и); ~ **льда** яхшиканӣ; ~ **сло́ва на сло́ги** ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо; ~ **са́да** шинондани дарахтҳои боғ; ~ **ла́геря** сохтани лагерь; ~ **строк в набо́ре** ҷудокунии сатрҳо дар ҳуруфчинӣ 2. *(планировка)* тарҳкашӣ; ~ **желе́зной доро́ги** кашидани тарҳи роҳи оҳан

разбинтова́ть *сов. что* докапечро кушодан; ~ **но́гу** докапечи пойро кушодан

разбинтова́||ться *сов. разг.* кушода шудан; **па́лец** ~**лся** докапечи ангушт кушода шуд

разбинто́вывать *несов. см.* **разбинтова́ть**

разбинто́вываться *несов.* 1. *см.* **разбинтова́ться**; 2. *страд.* кушода шудан

разбира́тельство *с* тафтиш, таҳқиқ // *юр.* тафтишот; **суде́бное** ~ тафтишоти суд

разбира||ть *несов.* 1. *см.* **разобра́ть**; 2. *что разг.* фаҳмидан, сарфаҳм раф-

тан; **ехать в темноте, не ～я дороги** дар торикӣ ба таки пой нигоҳ накарда роҳ рафтан 3. сара карда гирифтан, шинохта гирифтан; **покупать не ～я** сара накарда харидан

разбира́||ться *несов.* 1. *см.* **разобра́ться;** 2. қисм-қисм будан; **игру́шка ～ется на части** бозича қисм-қисм мебошад 3. *страд.* қисм-қисм карда шудан

разбитно́й, -ая, -ое *разг.* беруй, бешарм; абҷир; ～ **парень** ҷавони абҷир;

разби́тость *ж* шалпарӣ, хастагӣ, лакотӣ

разби́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* шикасташуда, майда-майда шуда 2. *прил.* шикаста, пора-пора; **～ый стакан** стакани шикаста 3. *прил.* шалақ, хароб; **～ая маши́на** мошини шалақ; **～ый го́лос** овози хиррӣ 4. *прил.* захмӣ, ярадор, зарбхурда, кафида; **～ая голова́** сари кафида 5. *прил.* шикастхурда, мағлуб; **～ый враг** душмани шикастхурда; **～ая армия** армияи торуморшуда 6. *прил. перен.* барабасрафта, барбодрафта; **～ые мечты** орзуҳои барбодрафта 7. *прил.* бекувват, камкувват, нотоб, заиф, шалпар, хаста; **чу́вствовать себя́ ～ым** хаста шудан ◇ **оста́ться (оказаться) у ～ого корыта** ду даст дар бини мондан

разби́ть *сов.* 1. *что* шикастан, майда-майда кардан; ～ **стекло́** шишаро шикастан; **вдре́безги ～ пиалу́** пиёларо шикаста реза-реза кардан 2. *что* зарар (зиён) расондан, вайрон (хароб) кардан; валангор кардан; **бу́рей разби́ло кора́бль** *безл.* киштиро туфон хароб кард; ～ **маши́ну** мошинро вайрон кардан; ～ **сапоги́** музаро пушида тикка-тикка кардан; ～ **доро́гу** роҳро валангор кардан 3. *что* ярадор (захмдор) кардан, задан; ～ **в кровь нос** биниро зада хуншор кардан 4. *кого-что* торумор кардан, шикаст додан, зарар расондан; ～ **проти́вника** душманро торумор кардан; ～ **в пух и [в] прах** ба хок яксон кардан, решакан кардан; ～ **на́голову** хоку туроб кардан 5. *кого-что* ҷудо кардан, тақсим кардан; ～ **учени-ко́в на гру́ппы** талабагонро ба гуруҳҳо тақсим кардан; ～ **участок** порчаи заминро ба қитъаҳо тақсим кардан 6. *перен.* бар бод додан, маҳв кардан; ～ **чьи-л. надежды** умеди касеро бар бод додан; ～ **аргуме́нты** далелҳоро рад кардан 7. *что* кардан; ～ **сад** боғ кардан 8. *что:* ～ **шатёр** чодир кашидан (шинондан); ～ **лагерь** ба қароргоҳ истодан 9. *что полигр.* ҷудо кардан, кушодатар чидан; ～ **стро́ки в набо́ре** сатрҳоро кушодатар чидан 10. *что* молида мулоим кардан, фушурда мулоим кардан; зада пачақ кардан, зада паҳн кардан; ～ **ко́жу** чармро молида мулоим кардан 11. *кого-что* задан, афтода кардан; **его́ разби́л парали́ч** вай фалаҷ шуд ◇ ～ **се́рдце кому́-л.** дили касеро шикастан

разби́||ться *сов.* 1. шикастан, майда-майда шудан; **таре́лка ～лась** табақча шикаст 2. *разг. (прийти в негодность)* аз кор баромадан; вайрон (валангор) шудан 3. шикастан, маъюб (маҷрух) шудан; **～ться в кровь** лат хурда хуншор шудан 4. ба қисмҳо ҷудо шудан, тақсим шудан; **отряд ～лся на гру́ппы** отряд ба гуруҳҳо тақсим шуд 5. *перен.* вайрон (валангор) шудан; бар бод рафтан; **все мои́ стара́ния ～лись** ҳамаи кушишҳоям бар бод рафтанд

разбла́говестить *сов. что и без доп. уст. разг.* овозаву дарвоза кардан, дар кучаву паскучаҳо гап-гап кардан

разбога́теть *сов.* бой (сарватдор, давлатманд) шудан

разбо́й *м* 1. тороҷ, толон, роҳзанӣ, ғорат, ғоратгарӣ, яғмо; **судить за ～** барои тороҷ суд кардан 2. *перен. разг.* зулм, ҷабр, ситам

разбойник *м* 1. роҳзан, ғоратгар, яғмогар, тороҷгар; **морско́й ～** роҳзани баҳрӣ 2. *перен.* золим, ситамгар 3. *бран. разг.* авбош 4. *разг. шутл.* шум, бади бало ～**и пера́** қаламкашони зархарид

разбо́йница *женск. к* **разбойник**

разбо́йничать *несов.* 1. роҳзанӣ (ғоратгарӣ, яғмогарӣ) кардан 2. *перен.* зулм (ситам, ҷабр) кардан

разбойнический, -ая, -ое *см.* **разбо́йничий**

разбойничество *с* роҳзанӣ, ғоратгарӣ, яғмогарӣ

разбо́йнич||ий, -ья, -ье ...и роҳзан, ...и ғоратгар, ғоратгарона; **～ья ша́йка** дастаи роҳзанон; **～ий прито́н** бошишгоҳи роҳзанон; **～ье лицо́** дуздбашара, бадбашара

разбо́йн||ый, -ая, -ое *уст.* 1. ...и ғорат, ...и ғоратгарӣ, ... яғмо; **～ые дела** ғоратгарӣ 2. *см.* **разбо́йничий** ◇ **～ый приказ** *ист.* маҳкама *(муассисаест дар Россияи асрҳои 16—17, ки бо ҷустуҷӯ ва ҷазо додани ҷинояткорон машғул буд)*

разболе́||ться I *сов. разг. (о человеке)* сахт касал шудан; **он окончательно ～лся** у сахт касал шуд

разболе́||ться II *сов. разг. (об органах, частях тела)* сахт дард кардан; **～лась голова** сарамро дард гирифт, сарам сахт дард карда истодааст

разболтанность *ж* бенухтагӣ

разбо́лтанный, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* сустшуда, лиққонакшуда 2. *прил.* бенухта; ～ **челове́к** одами бенухта

разболтать I *сов. что разг.* 1. ҷунбонда аралаш кардан 2. суст кардан, лиққонак (ҷунбонак) кардан; ～ **гайку** гайкаро лиққонак кардан

разболта́ть II *сов. что и без доп. разг.* лаққида фош (ошкор) кардан, пукидан; ～ **тайну** лаққида сирро фош кардан

разболта́||ться I *сов. разг.* 1. омехта шудан, аралаш шудан; **мука хорошо́ ～лась в воде́** орд дар об хуб аралаш шудааст 2. суст (лиққонак, ҷунбонак) шудан, шалақ шудан; **винты ～лись** мурватҳо лиққонак шудаанд 3. *перен.* бенухта шудан

разболта́ться II *сов. разг.* серҷоғи кардан, бисьёр манаҳ (ҷоғ) задан, аз ҳад зиёд лаққидан

разбомби́ть *сов. что* бомбаборон кардан; ～ **го́род** шаҳрро бомбаборон кардан

разбор *м* 1. *(по знач. гл.* **разобрать** 1—6) ҷудо кардан(и); тақсим кардан(и); ҳал кардан(и); муҳокима, таҳқиқ; таҳлил; ～ **де́ла** таҳқиқи воқеа; **синтакси́ческий ～ предложе́ния** таҳлили синтаксисии ҷумла; **крити́ческий ～ пье́сы** таҳлили танқидии пьеса 2. *с предлогами «без», «с» разг.:* **без ～у** аз як сар, фарқ накарда, эътибор надода; **с ～ом** аҳамият дода, бо диққат **к ша́почному ～у прийти́ (яви́ться)** баъди тапутез омадан

разбо́рка *ж (по знач. гл.* **разобра́ть** 1—3) ҷудо кардан(и); ба тартиб даровардан(и); ～ **маши́ны** ба қисмҳо ҷудо кардани мошин; ～ **книг** ба тартиб даровардани китобҳо

разбо́рный, -ая, -ое васлшаванда, ҷудошаванда; ～ **дом** бинои васлшаванда

разборчиво *нареч.* 1. серталабона; нозуктабъона; ～ **относи́ться к лю́дям** ба одамон серталабона муомила кардан 2. хоно, фаҳмо, бурро, равшан, сареҳ; **письмо́ написано ～** хат хоно навишта шудааст

разборчивость *ж* 1. серталабӣ; нозуктабъӣ; ～ **вку́са** нозукии табъ 2. инҷиқӣ, серназунуз будан(и) 3. хоно будан(и), фаҳмо будан(и), бурроӣ; ～ **почерка** хона будани хат

разборчивый, -ая, -ое (разборчив, -а, -о) 1. серталаб; нозуктабъ; ～ **вкус** табъи нозук 2. *(привередливый)* инҷиқ, серназунуз 3. хоно, фаҳмо, бурро, равшан, сареҳ; ～ **по́черк** хати хоно

разбракова́ть *сов. что* сараву сақат кардан; ～ **товар** молҳоро сараву сақат кардан

разбрако́вка *ж (по знач. гл.* **разбракова́ть)** сараву сақат кардан(и)

разбрако́вывать *несов. см.* **разбраковать**

разбраковываться *несов. страд.* сараву сақат карда шудан

разбрани́ть *сов. кого-что разг.* сахт ҳақорат кардан (дашном додан)

разбрани́||ться *сов. разг.* 1. ба ҷангу ҷанҷол сар кардан 2. *с кем* сахт ҳақорат кардан (дашном додан); **он со всеми ～лся** вай ҳамаро сахт ҳақорат дод

разбрасывание *с (по знач. гл.* **разбросать** 1—3) ба ҳар тараф партофтан(и), пошидан(и); титу пит кардан(и); ～ **семя́н** пошидани тухмӣ

разбра́сывать *несов. см.* **разбросать** *и* **разбро́сить**

разбра́сываться *несов.* 1. *см.* **разброса́ться** 2, 3; 2. *страд.* пошида шудан

разбредаться *несов. см.* **разбрести́сь**

разбрести́сь *сов.* 1. ба ҳар тараф парокандa шудан; ～ **по сторона́м** ба ҳар тараф пароканда шудан 2. *перен. (о мыслях)* парешон шудан

разбро́д *м* 1. *разг.* бетартибӣ, парокандагӣ, парешонӣ 2. носозӣ, мухо-

лифат, зиддият; **идейный** ~ мухолифати ғоявӣ

разбронировать *сов. кого-что* аз бронь озод кардан

разбронироваться *сов.* аз бронь озод шудан

разброс *м* (*по знач. гл.* **разбросать** 1, **разбросить**) пошидан(и)

разбросанность *ж* 1. парокандагӣ, парешонӣ, аз якдигар дур будан(и); ~ **деревни** аз якдигар дур будани хонаҳои қишлоқ 2. бетартибӣ, парешонӣ; ~ **мыслей** парешонии фикр

разбросанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ба ҳар тараф партофташуда; парешоншуда 2. *прил.* пароканда, парешон, аз ҳамдигар дур; ~**ые селения** деҳаҳои аз ҳамдигар дур; ~**ое население** аҳолии пароканда 3. *прил. разг.* бетартиб, парешон; ~**ые мысли** фикрҳои парешон 4. *разг.* бесару сомон, бесариште; ~**ый человек** одами бесару сомон

разбросать *сов.* 1. *что* ба ҳар тараф партофтан, пошидан; ~ **зерно** ғалларо ба ҳар тараф пошидан 2. *что разг.* титупит (титу парешон) кардан, чошу пош кардан; ~ **бумаги** коғазҳоро титу парешон кардан 3. *что разг.* дасту поро ёз дода дароз кашидан; (*волосы*) титу парешон кардан 4. *кого-что перен. разг.* пароканда кардан, чо ба чо пахн кардан; **жизнь разбросала их по разным городам** зиндагӣ онҳоро ба шаҳрҳои гуногун пароканда кард 5. *что разг.* (*истратить попусту*) бар бод додан, исроф кардан

разбросаться *сов. разг.* 1. саргарми ҳаводиҳӣ шудан 2. дасту поҳоро ёз дода дароз кашидан (нишастан); (*о волосах*) титу парешон шудан; ~ **во сне** дар хоб дасту поҳоро ёз додан 3. аз паи корҳои бисьёр шуда ягон кореро ба охир нарасондан

разбросить *сов. что разг.* ба ҳар чо афкандан (партофтан), пароканда кардан

разбросн||ой, -ая, -ое *с.-х.* пошидашаванда, пошида мешудагӣ, корида мешудагӣ; пошанда, коранда; ~**ая сеялка** тухмипошак

разбрызгать *сов. что* 1. пошидан, чошидан; ~ **воду** обро пошидан 2. пошида тамом кардан; ~ **все духи** атрро пошида тамом кардан

разбрызгаться *сов. разг.* 1. пошида шудан, рехта шудан 2. *разг.* саргарми пошидани (рехтан) шудан

разбрызгивание *с* (*по знач. гл.* **разбрызгать**) пошиш; (*по знач. гл.* **разбрызгаться**) пошидашавӣ; ~ **жидкости** пошидани моеъ, моеъпошӣ

разбрызгиватель *м* моеъпошак

разбрызгивать *несов. см.* **разбрызгать**

разбрызгиваться *несов. страд.* пошида шудан

разбрызнуть *сов. однокр. к* **разбрызгивать**

разбрюзжаться *сов. разг.* ба ғур-ғур даромадан, ғур-ғур (ғирунг-ғирунг) кардан; бисьёр ғур-ғур (ғирунг-ғирунг) кардан

разбудить *сов. кого-что* бедор кардан, аз ғафлат хезондан; ~ **детей** кудаконро аз хоб бедор кардан

разбуравить *сов. что* бо парма васеъ кардан

разбуравливать *несов. см.* **разбуравить**

разбуравливаться *несов. страд.* бо парма васеъ карда шудан

разбуривать *несов. см.* **разбурить**

разбуриваться *несов. страд.* парма шуда васеъ гардидан

разбурить *сов. что* парма карда (васеъ) кардан; ~ **скважину** чоҳи конро парма карда васеъ кардан

разбухание *с* (*по знач. гл.* **разбухнуть**) тоб партофтан(и); варам кардан(и); буғузак шудан(и); зиёдшавӣ

разбухать *несов. см.* **разбухнуть**

разбух||нуть *сов.* 1. тоб партофтан; варамидан, варам кардан; (*о почках*) буғузак шудан; **рамы** ~**ли от сырости** чорчубаҳо аз намӣ тоб партофтанд 2. *перен. разг.* зиёд шуда рафтан, калон шудан

разбушева||ться *сов.* 1. ба талотум омадан, туфон кардан; **ветер** ~**лся** шамол шиддат ёфт; **море** ~**лось** баҳр ба талотум омад 2. *перен. разг.* сахт оташин (даргазаб, хашмгин) шудан; ба чанчол (ба арбада) сар кардан

разбуяниться *сов. разг.* сахт оташин (дарғазаб, хашмгин) шудан; ба девонагӣ сар кардан

разважничаться *сов. разг.* аз ҳад зиёд калонигарӣ (калонгирӣ, такаббур) кардан, бисьёр мағрур шудан

развал *м* 1. (*по знач. гл.* **развалить**) хароб (вайрон) кардан(и); (*по знач. гл.* **развалиться**) харобшавӣ, вайроншавӣ, убадашавӣ; ~ **работы** убадашавии кор 2. *разг.* (*беспорядок*) бетартибӣ, вайронӣ, парешонӣ, парокандагӣ 3. *уст. прост.* бозори кухнафурушӣ 4. *лес.* нимтаи ғулаи дукафон 5. *уст. прост.* авчи бозор

разва||лец *м*, **разва||льца** *ж*: **с** ~**льцем, с** ~**льцей** 1) саланг-саланг гашта 2) бо дили нохоҳам; **работать с** ~**льцем** бо дили нохоҳам кор кардан

разваливание *с* (*по знач. гл.* **развалить**) хароб (вайрон) кардан(и); (*по знач. гл.* **разваливаться**) харобшавӣ, вайроншавӣ, убадашавӣ

разваливать I *несов. см.* **развалить**

разваливать II *несов. см.* **развалять**

разваливаться I *несов.* 1. *см.* **развалиться**; 2. хароб (вайрон) карда шудан

разваливаться II *несов. страд.* паҳн карда шудан, тунук карда шудан

развалин||а *ж* 1. *чаще мн.* **развалины** хароба, димна; ~**ы старинного города** димнаи шаҳри қадим 2. *перен.* боқимонда; ~**ы феодализма** боқимондаҳои феодализм 3. *перен. разг.* фартутӣ, фарсудагӣ; **превратиться в** ~**у** фартут шудан

развалист||ый, -ая, -ое *разг.* 1. паҳн, васеъ, фарох; ~**ое кресло** креслои фарох 2. (*о походке*) саланг-саланг

развалить *сов. прям., перен. что* хароб (вайрон) кардан, убада кардан; ~ **стену** деворро вайрон кардан

развали||ться *сов.* 1. хароб (вайрон) шудан; **дом** ~**лся** хона вайрон шудааст 2. *разг.* тикка-тикка шудан, кӯҳна (фарсуда) шудан; **туфли** ~**лись** туфли тикка-тикка шудааст 3. *перен.* хароб (вайрон) шудан, убада шудан; **хозяйство** ~**лось** хочагӣ вайрон шудааст 4. *разг.* (*сесть или лечь*) паҳну парешон шуда шиштан

развалка I *ж* 1. (*по знач. гл.* **развалить**) *разг.* хароб (вайрон) кардан(и) 2. *прост.* гашти саланг-саланг

развалка II *ж* (*по знач. гл.* **развалять**) паҳн кардан(и); тунук кардан(и)

развалять *сов. что* 1. *с.-х.* паҳн кардан, пош додан; ~ **навоз** поруро пош додан 2. тунук кардан (*хамирро*)

разваривать *несов. см.* **разварить**

развариваться *несов.* 1. *см.* **развариться**; 2. *страд.* ҳилм-ҳилм пухта шудан

разварить *сов. что* ҳилм-ҳилм пазондан (пухтан); ~ **мясо** гуштро ҳилм-ҳилм пухтан

развари||ться *сов.* ҳилм-ҳилм пухтан, бисьёр пухта тит (об) шудан; **рыба** ~**лась** моҳӣ пухта тит шудааст

разварн||ой, -ая, -ое пухтагӣ, обпаз; ~**ое мясо** гушти обпаз

разве 1. *частица* 1) *вопр.* (*неужели*) магар, оё; ~ **вы не видите?** магар шумо намебинед? 2) *вопр.* (*может быть*) ё, шояд; ~ **пойти к врачу?** шояд ба назди духтур равам? 3) *в сочет. со словами «лишь», «только», «что»* танҳо, фақат, магар; **они похожи** ~ **лишь манерами** фақат рафторашон ба ҳамдигар монанд 2. *союз уст. в сочет. со словами «только», «что»* а) (*кроме*) ба ғайри..., ба ғайр аз; б) (*если не*) ба шарте ки..., агар, агар ки..., магар ки...; **он придёт,** ~ **только заболеет** вай меояд, вале фақат ба шарте ки касал нашавад

развева||ть *несов. что* ҳилпирос занондан, ба алвонч овардан, лаппондан; **ветер** ~**ет знамёна** шамол байрақҳоро ҳилпирос мезанонад

развева||ться *несов.* ҳилпирос задан, лаппидан; **всюду** ~**ются флаги** дар ҳама чо байрақҳо ҳилпирос зада истодаанд

разведать *сов.* 1. *что, о ком-чём, про кого-что разг.* пурсида фаҳмидан, пурсучу карда донистан; ~ **всю правду** пурсучу карда ҳақиқатро пурра донаста гирифтан 2. *что* иктишоф, тадқиқ, таҳқиқ; ~ **местность** маҳалро тадқиқ кардан; ~ **залежи полезных ископаемых** конро иктишоф кардан 3. *что воен.* разведка кардан

разведение *с* (*по знач. гл.* **развести** 1, 2, 6. 8) ба чое расондан(и); чойгир кардан(и); чудо кардан(и); ҳал кардан(и); парвариш; даргирондан(и); ~ **порошка в воде** дар об ҳал кардани доруи ордак; ~ **овец** парвариши гусфандон, гуспандпарварӣ; ~ **сада** парвариши боғ, боғдорӣ; ~ **огня** даргирондани оташ

разведённый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷудо кардашуда 2. *прил.* ҷудошуда, талоқшуда // *в знач. сущ.* **разведённый** *м*, **разведённая** *ж* талоқгирифта, талоқдода

разве́дк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **разведать** 2) разведка кардан(и), тадқиқ, таҳқиқ, иктишоф (кашф) кардан(и); **произвести́ ~у ме́стности** маҳалро тадқиқ кардан // *воен.* разведка; **возду́шная ~а** разведкаи ҳавоӣ; **отправиться в ~у** ба разведка равон шудан 2. *воен.* разведкачиён, дастаи разведкачиён; **ко́нная ~а** разведкачиёни савора; **командир ~и** командири разведкачиён 3. *(организация)* разведка *(муассисаи махсуси давлатӣ, ки дар бораи авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии дигар давлатҳо маълумот ҷамъ мекунад)*

разве́дочн||ый, -ая, -ое разведкагӣ, ...и разведка, разведкакунанда, ҷустуҷуӣ, ...и тафтиш; **~ые рабо́ты** иктишоф

разведчик *м* 1. *воен.* разведкакунанда, разведкачӣ; **ко́нные ~и** разведкачиёни савора 2. разведкачӣ (*см.* **разве́дка** 3); 3. ҷуянда, кошиф; **~и недр** кошифони қаъри замин 4. самолёти разведкакунанда

разве́дчица *женск. к* **разведчик** 1—3

разве́дывание *с см.* **разве́дка** I

разве́дывательн||ый, -ая, -ое ...и разведкакунӣ, разведкакунанда, иктишофӣ; **~ый отря́д** отряди разведкакунӣ; **~ый самолёт** самолёти разведкакунанда; **~ая экспеди́ция** экспедицияи иктишофӣ

разве́дывать *несов. см.* **разве́дать**

развез||ти́ *сов.* 1. *кого-что* ба ҳар ҷо кашондан, бурда (оварда) мондан; **~ти́ детей по домам** кудаконро хона ба хона бурда мондан 2. *безл. что разг.* вайрон (шалақ) шудан; **доро́гу ~ло́** роҳ шалақ шуд 3. *безл. кого прост.* ланҷу лакот шудан; **его́ ~ло́** вай ланҷу лакот шуд

разве́ивать *несов. см.* **развеять**

разве́иваться *несов.* 1. *см.* **разве́яться**; 2. *страд.* парешон карда шудан

разве́нчанный, -ая, -ое 1. *прич.* фош кардашуда, беэътибор кардашуда 2. *прил.* ...и мисаш баромадагӣ; **~ геро́й** қаҳрамони мисаш баромадагӣ

развенча́ть *сов. кого-что* 1. миси касеро баровардан 2. *уст.* талоқ додан

разве́нчивание *с* (*по знач. гл.* **развенча́ть**) миси *касеро* баровардан(и)

разве́нчивать *несов. см.* **развенча́ть**

разверза́ть *несов. см.* **разве́рзнуть**

разверза́ться *несов.* 1. *см.* **разве́рзнуться**; 2. *страд.* во (боз) карда шудан

разверзнуть *сов. что книжн.* во (боз) кардан

разве́рз||нуться *сов. книжн.* во (боз) шудан ◇ **~лись хляби небе́сные** *шутл.* осмон тешук шуд

развёрнут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* паҳн (васеъ) кардашуда 2. *прил. воен.* ру ба фронт паҳншуда; **~ый строй** сафи ру ба фронт паҳншуда 3. *прил. перен.* пуравҷ; **~ое строительство** сохтмони пуравҷ 4. *прил. перен.* ботафсил, муфассал; **~ая резолюция** қарори ботафсил; **~ое объяснение** баёноти муфассал

разверну́ть *сов. что* 1. кушодан, боз (яла, паҳн) кардан, густурдан; **~ ковёр** гилемро паҳн кардан; **~ зна́мя** байрақро афрохтан; **~ газе́ту** рузномаро кушодан 2. кушодан; **~ поку́пки** бастаи молҳои харидашударо кушодан 3. *воен.* ру ба фронт паҳн кардан; **~ полк** полкро ру ба фронт паҳн кардан 4. *воен.* *(переформировать)* аз нав ташкил додан 5. ба кор андохтан; кушодан; **~ санитарный пункт** пункти санитарӣ кушодан 6. *перен.* тараққӣ кунондан, вусъат (инкишоф) додан; **~ строительство** сохтмонро тараққӣ додан; **~ соревнова́ние** мусобиқаро вусъат додан 7. *перен.* шарҳ додан, баён кардан, ба тафсил арз кардан; **~ свой планы** планҳои худро шарҳ додан 8. гардондан, тоб додан; **~ самолёт** самолётро гардондан

разверну́||ться *сов.* 1. кушода (боз, *яла, паҳн) шудан*; **ковёр ~лся** *гилем* кушода шуд 2. кушода (яла, во) шудан; **паке́т ~лся** пакет кушода шуд 3. *воен.* ру ба фронт паҳн шудан 4. *воен.* *(переформироваться)* аз нав ташкил ёфтан 5. *(подготовиться к действию)* тайёр (омода) шудан 6. *перен.* вусъат ёфтан; **его́ спосо́бности ~лись** қобилияти вай вусъат ёфт 7. *перен.* қобилияти худро нишон додан; **ему́ есть где ~ться** у барои нишон додани қобилияти худ шароит дорад 8. паҳн шудан; **широко́ ~лся новый го́род** шаҳри нав васеъ паҳн шудааст 9. тараққӣ кардан, вусъат (инкишоф) ёфтан; **собы́тия ~лись** ҳодисаҳо вусъат ёфтанд 10. *(о самолёте, машине и т. п.)* гаштан, тоб хурдан 11. *прост.* қулоч кашида задан, кашидаву кушода задан; **он ~лся и уда́рил** кашидаву кушода зад

разверста́ть *сов.* 1. *что* ҳисса-ҳисса тақсим кардан (налог, андоз *ва ғ.*) 2. *что полигр.* саҳифабандӣ кардан 3. *что полигр.* саҳифаҳои басташударо таҷзия кардан

развёрстка *ж* тақсимот, развёрстка; **~ на семена́** тақсимоти тухмӣ

развёрсточный, -ая, -ое ...и тақсимот, ...и развёрстка

развёрстывать *несов. см.* **разверста́ть**

развёрстываться *несов. страд.* тақсим карда шудан

разве́рст||ый, -ая, -ое *книжн.* *(широко раскрытый)* вогардида; **~ая пасть зве́ря** даҳони вогардидаи даррандa

развертéть *сов. что* 1. *(дыру, отверстие)* парма карда васеъ кардан 2. гардондан, чарх (давр) занондан; **~ колесо́** ғилдиракро чарх занондан

разверте́||ться *сов.* 1. *(о дыре, отверстии)* парма карда васеъ шудан 2. ба ҳаракат даромадан; **колесо́ ~лось** чарх ба ҳаракат даромад 3. *(развинтиться)* тофта суст шудан

развёртка I *ж* 1. (*по знач. гл.* **разверну́ть** 1) *кушониш, боз кардан(и)* 2. *геом.* густара

развёртка II *ж* 1. (*по знач. гл.* **развертéть** 1) парма карда васеъ кардан(и) 2. *спец.* *(инструмент)* исканапарма

развёртывание *с* (*по знач. гл.* **разверну́ть**) кушониш; кушодан(и), боз (яла, паҳн) кардан(и), густурдан(и); ру ба фронт паҳн кардан(и); вусъат додан(и); шарҳ додан(и); гардондан(и); (*по знач. гл.* **разверну́ться**) кушода (боз, яла, паҳн) шудан(и); ру ба фронт паҳн шудан(и); аз нав ташкил ёфтан(и); тайёр шудан(и); вусъат ёфтан(и); **~ жили́щного строи́тельства** вусъат додани сохтмони биноҳои истиқоматӣ

развёртывать *несов. см.* **разверну́ть**

развёртываться *несов.* 1. *см.* **разверну́ться** 2. *страд.* кушода (паҳн, боз, яла) карда шудан

развёрчивание *с* (*по знач. гл.* **развертéть**) парма карда васеъ кардан(и); гардондан(и)

развёрчивать *несов. см.* **развертéть**

развёрчиваться *несов.* 1. *см.* **развертéться**; 2. *страд.* гардонда шудан

разве́с *м см.* **разве́шивание** I; **~ проду́ктов** *баркаши озуқа*

развесели́ть *сов. кого-что* шод (шодмон) кардан, хушвақт (хурсанд, хушнуд) кардан

развесели́ться *сов.* шод (шодмон) шудан, хушвақт (хурсанд, хушнуд) шудан

развесёлый, -ая, -ое *разг.* бисьёр шод (шодмон), хушу хурсанд; **~ па́рень** ҷавони хушу хурсанд

развеселя́ть *несов. см.* **развесели́ть**

разве́сист||ый, -ая, -ое (разве́сист, -а, -о) 1. ...и анбуҳ; **~ый дуб** булути анбуҳ 2. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои ботаники*: **~ый ковы́ль** ковили хамидасар ◇ **~ая клю́ква** дуруғи шохдор

разве́сить I *сов. что* баркашидан, баркашида тақсим кардан; **~ хлеб** нонро баркашидан

разве́си||ть II *сов. что* 1. ба ҳар ҷо овехтан, овезон кардан; **~ть бельё** либоси шустаро ба тор овехтан 2. *паҳну овезон кардан, паҳн кардан*; **дуб ~л могу́чие ве́тви** булут шоххои азими худро паҳну овезон кардааст ◇ **~ть у́ши** *прост.* 1) бо шавқ гуш кардан 2) даҳон яла карда гуш кардан

разве́ситься *сов.* анбуҳ шудан *(оид ба шохҳои дарахт)*

разве́ска I *ж см.* **разве́шивание** I; **~ са́хара** баркаши қанд

разве́ска II *ж см.* **разве́шивание** II

развесно́й, -а́я, -о́е баркаш; **~ сахар** қанди баркаш

разве́сочн||ый, -ая, -ое 1. ...и баркашӣ; **~ое отделе́ние** шуъбаи баркаши 2. *в знач. сущ.* **разве́сочная** *ж* хонаи баркаши

развести́ *сов.* 1. *кого* [бурда] расондан; **~ детей по дома́м** кудаконро ба хонаҳояшон бурда расондан // *воен.* ба ҷо гузоштан, ҷойгир кардан; **~ часовы́х** посбононро ба ҷойҳояшон гузоштан 2. *кого-что* ҷудо кардан, аз якдигар ҷудо (дур) кардан; **~ мосты** купрукҳоро аз миён ба ду тараф ҷудо кардан; **~ спо́рщиков** ҷанҷолчиҳоро аз

якдигар чудо кардан 3. *кого* чудо кардан; ~ **супругов** зану шавҳарро чудо кардан 4. *что безл. обл.* кафидан, шикастан; **лёд развело** ях кафид 5. *что разг.* мавч занондан; **ветер развёл на море зыбь** шамол оби баҳрро мавч занонд 6. *что* ҳал (маҳлул) кардан; ~ **порошок в воде** доруи ордакро дар об маҳлул кардан // *(разбавить)* об андохта суюктар кардан 7. *кого-что* парваридан, парварида зиёд кардан; сабзондан, руёндан; ~ **гусей** ғоз парварида зиёд кардан; ~ **фруктовый сад** боғи мева парваридан 8. *что* даргирондан, алав кардан; ~ **огонь** алав даргирондан; ~ **костёр** гулхан кардан ◇ ~ **пилу** арраро тез кардан; *см. тж.* **разводить**

развестись *сов.* 1. чудо шудан, талоқ додан 2. мул шудан, зиёд (бисьёр) шудан, афзудан

разветвить *сов. что* 1. *ж.-д.* шоха кашидан, ба шохаҳо чудо кардан; ~ **железнодорожный путь** роҳи оҳанро ба шохаҳо чудо кардан 2. *перен.* ба соҳаҳо тақсим кардан

разветви||ться *сов.* 1. ба шохаҳо чудо (тақсим) шудан 2. *перен.* ба ҳар тараф чудо шуда равон шудан, ба сохаҳо тақсим шудан

разветвлени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **разветвить**) шоха кашидан(и); (*по знач. гл.* **разветвиться**) ба соҳаҳо тақсим шудан(и); ~**е реки** ба шохобхо тақсим шудани дарьё 2. дуроҳа; **на** ~**и пути** дар дуроҳа 3. шуъба, шоха, қисм

разветвлённ||ый, -ая, -ое сершох, сершоха; ~**ая сеть железных дорог** шабакаи сершохаи роҳи оҳан

разветвлять *несов. см.* **разветвить**

разветвляться *несов.* 1. *см.* **разветвиться**; 2. *страд.* ба шохаҳо чудо шудан; ба соҳаҳо тақсим шудан

развешать *сов. что* ба ҳар чо овехтан, овезон кардан; ~ **картины** суратҳоро ба ҳар чо овехтан

развешивание I *с* (*по знач. гл.* **развесить** I) баркаш, баркашида тақсимкунӣ; ~ **сахара** баркаши қанд

развешивание II *с* (*по знач. гл.* **развесить** II *и* **развешать**) овезиш, овезонкунӣ, овехтан(и); ~ **таблиц** овехтани чадвалҳо

развешивать I *несов. см.* **развесить** I

развешивать II *несов. см.* **развесить** II *и* **развешать**

развешиваться I *несов. страд.* баркашида шудан

развешиваться II *несов. страд.* овехта шудан

развея||ть *сов. что* 1. ба ҳар тараф бурдан, пароканда (парешон, тит) кардан; **ветер** ~**л облака** шамол абрҳоро ба ҳар тараф пароканда кард 2. *перен.* барҳам додан, нест (бартараф) кардан; ~**ть тоску** ғаму ғуссаро бартараф кардан

развея||ться *сов.* 1. ба ҳар тараф бурда шудан, пароканда (парешон, тит) шудан; **тучи** ~**лись** абрҳо пароканда шуданд 2. *перен.* барҳам хурдан, нест нобуд шудан, бартараф гаштан; **сомнения** ~**лись** шакку шубҳаҳо бартараф гаштанд 3. *разг.* дам гирифтан, сокул шудан

развивать *несов. см.* **развить**

развиваться *несов.* 1. *см.* **развиться** 2. руй додан, воқеъ гардидан 3. *страд.* кушода шудан

развивающ||ийся, -аяся, -ееся *прич., прил.* тараққикардаистода; ~**иеся страны** мамлакатҳои тараққикардаистода

развизжаться *сов. разг.* ба виззосзанӣ даромадан, гингос (виззос) задан

развилин||а *ж* 1. *(ствол, сук)* душоха, айрӣ 2. дуроҳа; **на** ~**е дороги** дар дуроҳа

развилистый, -ая, -ое (развилист, -а, -о) душоха; ~ **сук** навдаи душоха

развилка *ж*, **развилок** *м разг. см.* **развилина**

развинтить *сов. что* кушодан, тоб дода шалак (лиққонак) кардан; ~ **гайку** гайкаро кушодан

развинти||ться *сов.* 1. кушода шудан, тоб хурда шалак (лиққонак) шудан; **гайка** ~**лась** гайка тоб хурда кушода шудааст 2. *перен. разг.* шалак шудан; **нервы** ~**лись** асабҳо шалак шудаанд

развинченность *ж* асабоният. вайронӣ, шалакӣ; ~ **нервов** асабоният

развинченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кушодашуда, тоб хурда лиққонакшуда 2. *прил. разг.* бенухта, безорӣ; ~**ый человек** одами безорӣ ◇ **идти** ~**ой походкой** лапанг-лапанг гаштан

развинчивать *несов. см.* **развинтить**

развинчиваться *несов.* 1. *см.* **развинтиться**; 2. *страд.* тоб хурда лиққонак шудан

развитие *с* 1. (*по знач. гл.* **развить**) мустаҳкам кардан(и); вусъатдиҳӣ, инкишоф додан(и); тараққӣ додан(и); мукаммал кардан(и), такмилдиҳӣ; баён кардан(и); (*по знач. гл.* **развиться**) мустаҳкам (маҳкам) шудан(и); тараққӣ кардан(и), пухтан(и); ~ **культуры** тараққӣ додани маданият; ~ **мускулатуры** мустаҳкам кардани мушакҳо; ~ **памяти** инкишоф додани қувваи ҳофиза; ~ **промышленности** ривочдиҳии саноат 2. пешрафт, тараққиёт, инкишоф; **историческое** ~ тараққиёти таърихӣ 3. дарачаи заковат, акл, фаросат; **умственное** ~ такомули фаросат ◇ **в** ~ **чего-л.** барои вусъат додани чизе

развит||ой, -ая, -ое (развит, -а, -о) 1. мустаҳкам, маҳкам, маҳкамшуда, бақувват; ~**ая мускулатура** мушакҳои бақувват 2. мутараққӣ, инкишофьёфта; ~**ой социализм** социализми мутараққӣ; ~**ая промышленность** саноати мутараққӣ 3. заковатманд, боақл, бофаросат; ~**ая девушка** духтараки боақл 4. *тк. кратк. ф. в знач. сказ.* ривоч ёфтааст: **в этих краях очень развито садоводство** дар ин чойҳо боғдорӣ бисьёр ривоч ёфтааст

развить *сов.* 1. *что* кушодан, яла (боз) кардан; ~ **верёвку** тоби арғамчинро кушодан 2. *что* мустаҳкам кардан, вусъат (инкишоф) додан; тараққӣ додан; ~ **мускулатуру** мушакҳоро мустаҳкам кардан; ~ **память** қувваи ҳофизаро инкишоф додан; ~ **интерес к музыке** ба мусиқӣ шавқ пайдо кунондан 3. *что* тараққӣ кунондан, ривоч (вусъат) додан; ~ **промышленность** саноатро ривоч додан 4. *что* зиёд (баланд) кардан; ~ **скорость** суръатро зиёд кардан 5. *что* мукаммал кардан, васеъ кардан, такмил додан; ~ **чью-либо мысль** фикри касеро шарх дода такмил додан; ~ **план** планро васеъ кардан

разви||ться *сов.* 1. кушода (яла, боз) шудан; **коса** ~**лась** кокул кушода шудааст 2. мустаҳкам (маҳкам) шудан, афзудан, вусъат (инкишоф) ёфтан, тараққӣ кардан; **мускулы** ~**лись** мушакҳо бақувват шуданд 3. бозаковат (боақл, бофаросат) шудан 4. авч гирифтан, афзудан, паҳн шудан; **самодеятельность** ~**лась** санъати ҳаваскорон авч гирифт 5. баланд (зиёд) шудан; **скорость** ~**лась** суръат баланд шуд

развлекательн||ый, -ая, -ое (развлекател|лен, -льна, -льно) шавқангез, шавқовар, хурсандибахш, хурсандиовар; ~**ое чтение** хониши шавқангез

развлекать *несов. см.* **развлечь**

развлекаться *несов.* 1. *см.* **развлечься**; 2. *страд.* хурсанд (хушвақт) карда шудан; машғул (андармон) карда шудан

развлечени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **развлечь** 2) хурсанд (хушнуд, хушвақт) кардан(и); (*по знач. гл.* **развлечься**) саргармшавӣ, вақтхушӣ; **всё это служит для** ~**я** ҳамаи ин барои вақтхушӣ аст 2. тамошо; **в саду много** ~**й** дар боғ тамошо бисьёр аст

развлечь *сов. кого* 1. машғул (андармон) кардан; аз фикре дур кардан, аз ғаму ғуссаҳо фориғ кардан; **его ничем нельзя** ~ диққати вайро бо ҳеч чиз андармон кардан мумкин не 2. хурсанд (хушнуд, хушвақт) кардан, шод кардан; ~ **публику** мардумро шод кардан

развлечься *сов.* 1. дам гирифтан, сокул шудан 2. вақтхушӣ кардан, вақтро бо хурсандӣ гузарондан

развод *м* 1. (*по знач. гл.* **развести** 1, 2, 7) чобачогузорӣ; чойгир кардан(и); чудо кардан(и); парвариш, парваридан(и); ~ **часовых** чобачогузории посбонон; ~ **моста** аз миён ба ду тараф чудо кардани кӯпрук; **оставить петуха на** ~ хурусро барои наслгирӣ [чудо карда] мондан 2. *воен.* азназаргузаронии посбонон 3. талоқдиҳӣ, талоқкунӣ; **дать** ~ талоқ додан; **получить** ~ талоқ гирифтан; **они в** ~**е** онҳо аз ҳамдигар чудо мебошанд

разводить *несов. см.* **развести** ◇ ~ **антимонии** *прост.* 1) гапфурушӣ кардан, сафсата фурухтан 2) нарм будан, нармдилӣ кардан; ~ **бодягу** *прост.* аз бекорӣ кадукорӣ кардан; ~ **канитель** 1) бо кори дилбазан машғул шудан 2) сусткорӣ кардан; кашол додан; ~ **руками** ҳайрон шуда мондан, дар ҳайрат мондан (афтодан); ~ **тары-бары** *с кем* гап-гап кардан, гапҳои пучу холӣ задан; ~ **турусы** [**на колёсах**]

ҳарза гуфтан; сафсата гуфтан; **бобы** ~ *прост.* гапфурушӣ кардан, сафсата фурухтан

разводи́ться *несов.* 1. *см.* **развести́сь;** 2. *страд.* ҷудо карда шудан; ҷо ба ҷо гузошта шудан

разво́дка *ж* 1. *(по знач. гл.* **развести́** 2) *разг.* ҷудо кардан(и), аз якдигар ҷудо (дур) кардан(и); ~ **моста́** аз миён (ба ду тараф) ҷудо кардани купрук 2. дандонакушояк *(абзор барои танзими дандонаҳои арра)*

разводно́й, -а́я, -о́е 1. *спец.* бозшаванда; ~ **ключ** мурваткушои бозшаванда 2. миёнҷудо; ~ **мост** купруки миёнҷудо

разво́дн||ый, -ая, -ое ...и талоқ; ~**ое свиде́тельство** хати талоқ, талоқхат

разво́д||ы *тк. мн.* 1. нақшу нигор, нақшдузӣ, гулдузӣ; **пла́тье с** ~**ами** куртаи гулдузӣ 2. *разг.* доғ, лакка

разво́дье *с* 1. оби кушод 2. *обл.* обхез, обхези баҳорӣ

разводя́щий, -ая, -ее 1. *прич.* ҷобаҷокунанда, ҷудокунанда 2. *в знач. сущ.* **разводя́щий** *м воен.* сардори посбонон

развоева́ться *сов. разг.* ғавғо (мағал, валвала) бардоштан

разво́з *м* (*по знач. гл.* **развезти́** 1) кашондан(и), ба ҳар ҷо кашондан(и); ~ **това́ров** [ба ҷоҳои даркорӣ] кашондани мол

развози́ть *несов. см.* **развезти́**

развози́ться I *несов. страд.* бурда (кашонда) шудан

развози́ться II *сов. разг.* мағал бардоштан

разво́зка *ж* 1. *разг. см.* **разво́з;** ~ **гру́зов** ба ҳар тараф кашондани борҳо 2. ароба

развозн||о́й, -а́я, -о́е ...и вофурушӣ; ~**а́я торго́вля** вофурушӣ

разво́зчик *м* боркаш, боркашон

разво́зчица *женск. к* **разво́зчик**

развола́кивать *несов. см.* **разволо́чь**

развола́киваться *несов. страд.* 1. кашола карда бурда шудан 2. пароканда шудан *(оид ба абрҳо)*

разволнова́ть *сов. кого* ба ҳаяҷон (ба изтироб) овардан; **э́то изве́стие мо́жет его́** ~ ин хабар уро ба ҳаяҷон оварда метавонад

разволнова́ться *сов.* 1. ба талотум омадан, мавҷ задан 2. *перен.* ба ҳаяҷон омадан, ба изтироб афтидан

разволо́чь *сов. что прост.* 1. *(растащить)* кашола карда бурдан, ба ҳар тараф кашидан 2. *безл.* пароканда (парешон) кардан *(абрҳо)*

разнопи́ться *сов. прост.* бисьёр фарьёд задан, сахт доду фарьёд кардан, сахт фиғон бардоштан

развора́чивать *несов. см.* **развороти́ть** *и* **разверну́ть**

развора́чиваться *несов.* 1. *см.* **разверну́ться** 1; 2. *страд.* кушода (яла, боз) карда шудан

разворкова́||ться *сов. разг.* ба ҳув-ҳув даромадан, ҳув-ҳув кардан гирифтан; **го́луби** ~**лись** кабӯтарон ба ҳув-ҳув даромаданд

разворова́ть *сов. что разг.* ба тамом дуздидан

разворо́вывать *несов. см.* **разворова́ть**

разворо́вываться *несов. страд.* ба тамом дуздида шудан

разворо́т *м* 1. *(по знач. гл.* **разверну́ть** 1—8) кушодан(и), боз кардан(и); васеъ кардан(и); вусъат (инкишоф), додан(и); *(по знач. гл.* **разверну́ться** 8, 9, 10) паҳн шудан(и); тараққӣ (инкишоф) ёфтан(и), вусъат ёфтан(и); гардиш; ~ **строительства** вусъатьёбии сохтмон; ~ **танка** гардиши танк 2. хамгашт; **круто́й** ~ **доро́ги** хамгашти роҳ 3. *(листа, переплёта и т. п.)* пушт, дарун; **на** ~**е обло́жки** дар даруни муқова

развороти́ть *сов. что разг.* 1. чаппаю роста кардан, тагуру кардан; тит кардан; ~**все ве́щи в ко́мнате** ҳама чизҳои хонаро титупит кардан 2. шикастан, пора-пора кардан, вайрон кардан; **бо́мба развороти́ла зда́ние** бомба биноро вайрон кард 3. *прост.* зада пора-пора кардан, зада пачақ кардан; ~ **кость** устухонро зада пора кардан

разворочать *сов. прост. см.* **развороти́ть** 1, 2

развороши́ть *сов. что разг.* 1. тит (тунук, паҳн) кардан; ~ **се́но** хошокро тит кардан 2. титупит кардан, ба ҳар тараф партофтан; ~ **бума́ги на столе́** когазҳоро дар руи стол титупит кардан

разворчаться *сов. разг.* ба гур-ғур даромадан, як зайл ғур-ғур (ғурунг-ғурунг) кардан

развра́т *м* 1. ифроти шаҳват 2. фисқу фасод, бадахлоқӣ 3. *разг.* эркагӣ, қилиқи хунук

развратитель *м книжн.* фосиқ

разврати́ть *сов. кого* 1. фосиқ кардан // *уст.* бакорат бардоштан 2. ахлоқан бад (вайрон) кардан; ~ **умы́** мардумро аз роҳ баровардан 3. *разг. (избаловать)* эрка кардан, сернозунуз кардан

разврати́ться *сов.* 1. фосиқ шудан 2. ахлоқан бад (вайрон) шудан 3. *разг.* эрка (сернозунуз) шудан

развра́тник *м* фосиқ

развра́тница *женск. к* **развра́тник**

развра́тничать *несов.* фосиқӣ кардан, ба фисқу фуҷур машғул шудан

развра́тность *ж* фосиқӣ

развра́ти||ый, -ая, -ое (развра́|тен, -тна, -тно) фосиқ; бадахлоқ, вайрон; фосиқона, бадахлоқона; ~**ое поведе́ние** рафтори фосиқона (бадахлоқона)

развраща́ть *несов. см.* **разврати́ть**

развраща́ться *несов.* 1. *см.* **разврати́ться** 2. *страд.* фосиқ карда шудан; вайрон (бад) карда шудан, эрка карда шудан

развраще́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **разврати́ть**) фосиқкунӣ, бадахлоқкунӣ; *(по знач. гл.* **разврати́ться**) фосиқшавӣ; бадахлоқшавӣ; ~ **нравов** фисқу фасод

развращённость *ж* 1. фосиқӣ, фисқу фуҷур 2. бадахлоқӣ; ~ **ума** бадахлоқи

развращённый, -ая, -ое (развращ|ён, -ена́, -ено́) 1. *прич.* фосиқ кардашуда 2. *прил.* фосиқ, вайрон, бадахлоқ; ~ **челове́к** одами фосиқ

развью́чивать *несов. см.* **развью́чить**

развью́чиваться *несов.* 1. *см.* **развью́читься;** 2. *страд.* аз бор холӣ кардан борро фуроварда шудан

развью́чить *сов. кого* аз бор холӣ кардан, борро фуровардан; ~ **верблю́да** бори уштурро фуровардан

развьючи||ться *сов.* аз бор холӣ шудан, бор фуроварда шудан; **карава́н** ~**лся** борҳои корвон фуроварда шуд

развяза́ть *сов.* 1. *что* кушодан, боз (яла, во) кардан; ~ **у́зел** гиреҳро кушодан; ~ **свёрток** бугчаро кушодан 2. *кого-что перен. разг.* озод кардан; вусъат додан; ~ **тво́рческие си́лы наро́да** қувваҳои эҷодии халқро вусъат додан ◊ ~ **войну́** оташи ҷанг афрухтан, ҷанг сар кардан; ~ **мошну́ (коше́ль)** ҳотамона харҷ кардан; хароҷоти зиёд кардан; ~ **ру́ки кому́-л.** ихтиёр ба дасти касе додан; ~ **себе́ ру́ки** соҳибихтиёр шудан, ихтиёр ба даст гирифтан; ~ **язы́к** 1) ба гап даровардан; **вино́ развяза́ло языки́** шароб ҳамаро ба гап даровард 2) ба гап даромадан

развяза́||ться *сов.* 1. кушода шудан, боз (яла, во) шудан; **паке́т** ~**лся** пакет кушода шуд 2. *с кем-чем перен. разг.* озод шудан, халос шудан; **развяжи́сь ты с ним!** ту аз вай халос шав! 3. *перен. прост.* густох шудан, густохӣ кардан ✓ **язы́к** ~**лся у кого́-л.** ҷоғаш кушода шуд

развя́зк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **развяза́ть** 1) кушодан(и); ~**а узло́в** кушодани гиреҳҳо, гиреҳкушоӣ 2. анҷом, хотима; **неожи́данная** ~**а** хотимаи ногаҳонӣ; **де́ло идёт к** ~**е** кор анҷом ёфта истодааст 3. *лит.* фарҷом; ~**а дра́мы** фарҷоми драма 4. *трансп.* чорсӯ

развя́зно *нареч.* густохона, бетакаллуфона, беодобона; ~ **вести́ себя́** густохона рафтор кардан

развя́зность *ж* густохӣ, бетакаллуфӣ, беодобӣ; ~ **мане́р** беодобии рафтор

развя́зн||ый, -ая, -ое (развяз|ен, -на, -но) густох(она), бетакаллуф(она), беадаб(она); ~**ый тон** оҳанги густохона; ~**ое обраще́ние** муомилаи бетакаллуфона

развя́зывание *с (по знач. гл.* **развяза́ть**) кушодан(и), кушоиш; *(по знач. гл.* **развяза́ться**) кушодашавӣ ◊ ~ **войны́** сар кардани ҷанг

развя́зывать *несов. см.* **развяза́ть**

развя́зываться *несов.* 1. *см.* **развяза́ться;** 2. *страд.* кушода шудан

разгада́ть *сов.* 1. *что* ёфтан, ҳал кардан; ~ **зага́дку** чистонро ёфтан 2. *кого-что* фаҳмидан, пай бурдан, сарфаҳм рафтан; ~ **чьи-л. наме́рения** мақсади касеро пай бурдан

разга́дка *ж* 1. *(по знач. гл.* **разгада́ть**) ёфтан(и), ҳал кардан(и) 2. ҷавоби чистон, ҳалли муаммо; ~ **шара́ды** ҷавоби муаммо

разгадчик *м разг.* ёбанда, ҳалкунанда

разгадчица *женск. к.* **разгадчик**

разгадывание *с см.* **разгадка** I

разга́дывать *несов. см.* **разгадать**

разгадываться *несов. страд.* ёфта шудан, ҳал карда шудан

разгар *м* авҷ, ҷуш; **сенокос в** ~**е** алафдаравй дар авҷ аст

разгерметиза́ция *ж* вайроншавии герметизация, вайроншавии ҳавонигузарӣ

разгерметизи́ровать *несов. что* герметизацияро вайрон кардан, ҳавобаро кардан, ҳавогузар кардан

разгиб *м* 1. *см.* **разгиба́ние**; 2. ҷои рост кардашуда

разгиба́ние *с (по знач. гл.* **разогну́ть**) рост кардан(и); кушодан(и)

разгибать *несов. см.* **разогну́ть**

разгибаться *несов.* 1. *см.* **разогну́ться**; 2. *страд.* рост карда шудан

разгильдяй *м разг.* бекорхуҷа

разгильдяйка *женск. к* **разгильдя́й**

разгильдяйничать *несов. разг.* бекорхуҷагӣ кардан

разгильдяйство *с разг.* бекорхуҷагӣ

разглагольствование *с разг.* пургуӣ, ҳарзагуӣ, гапфурушӣ, беҳудагуӣ

разглаго́льствовать *несов. разг.* пургуӣ кардан, ҳарзагуӣ (гапфурушӣ, беҳудагуӣ) кардан

разгла́дить *сов.* 1. *что* ҳамвор (силиқ, тахт) кардан; ~ **бо́роду** ба риш панҷа кашидан 2. дарзмол (уттӣ) кардан; ~ **платье** куртаро дарзмол кардан

разглади||ться *сов.* 1. ҳамвор (силиқ, тахт) шудан, кушода шудан; **морщины на лбу** ~**лись** оҷингҳои пешонӣ кушода шудаанд 2. дарзмол (уттӣ) шудан; **юбка хорошо** ~**лась** юбка хуб дарзмол шудааст

разгла́живать *несов. см.* **разгла́дить**

разглаживаться *несов.* 1. *см.* **разгладиться**; 2. *страд.* ҳамвор (силиқ, тахт) карда шудан; дарзмол карда шудан

разгласить *сов. что и без доп.* ошкор (фош) кардан; овоза (паҳн) кардан; ~ **тайну** сирро паҳн кардан

разгласиться *сов.* ошкор (фош, овоза, паҳн) шудан

разглашать *несов. см.* **разгласи́ть**

разглаша́ться *несов. страд.* ошкор (фош, овоза, паҳн) карда шудан

разглашение *с (по знач. гл.* **разгласить**) ошкоркунӣ, фошкунӣ, овозакунӣ, паҳнкунӣ; ~ **тайны** ошкоркунии сир(р); ~ **ложных слу́хов** паҳнкунии овозаҳои бардуруғ

разглядéть *сов. кого-что* 1. нигоҳ карда фаҳмидан, синча карда шинохтан; ~ **кого-л. в темноте́** касеро дар торикӣ синча карда шинохтан 2. *перен. разг.* фаҳмидан, донистан, шинохтан, дониста гирифтан, пай бурдан

разглядывание *с (по знач. гл.* **разгля́дывать**) бо диққат нигоҳ кардан(и), синча кардан(и)

разгля́дывать *несов. кого-что* бо диққат нигоҳ кардан, синча кардан

разгнéванный, -ая, -ое 1. *прич.* бадқаҳр кардашуда, хашмгин кардашуда, дарғазабшуда 2. *прил.* бадқаҳр, боғазаб, хашмгин; ~ **взгляд** нигоҳи хашмгин; ~ **го́лос** овози боғазаб

разгнéвать *сов. кого* бадқаҳр (оташин, хашмгин) кардан, ба ғазаб (ба хашм) овардан

разгневаться *сов.* бадқаҳр (оташин) шудан, ба ғазаб (ба хашм) омадан

разгова́ривать I *несов.* 1. *с кем-чем и без доп.* суҳбат (гуфтугу) кардан, мусоҳиба кардан; гап задан, лаққидан; ~ **на уро́ках** дар вақти дарс гап задан 2. *с кем-чем разг.* ҳамсуҳбат шудан, муносибат доштан; **кто по́сле э́того мо́жет с ним** ~? баъд аз ин бо вай кӣ гап мезанад?

разгова́ривать II *несов. см.* **разговорить**

разговéться *сов.* 1. *церк.* руза кушодан, ифтор кардан 2. *перен. уст. разг.* маза кардан, лаззат бурдан, даҳон ширин кардан

разговля́ться *несов. см.* **разговеться**

разгово́р 1. гуфтугу, гуфтушунид, гап, суҳбат, мусоҳиба; гапзанӣ, гапзанонкунӣ; ~ **по душа́м** суҳбати самимӣ; **вести** ~ гуфтугу кардан; ~ **не вя́жется** гап қур намегирад 2. *чаще мн.* **разговоры** *разг.* овоза, ғулғула; **пошли́** ~**ы** овоза паҳн шуд 3. мубоҳиса, баҳсу мунозира, гуфтугу; **без** ~**ов** бе гуфтугу ◇ **кру́пный** ~ гапи калон; гапи ҷиддӣ; **без дальних (без лишних)** ~**ов** гапро ғоз надода, суханро дароз накарда; **и** ~**у нет, и** ~**у быть не мо́жет** 1) *(нельзя)* ҷои гап нест; 2) *(разумеется)* худаш маълум, ҳеҷ гап даркор нест

разговорить *сов. кого разг.* 1. ба гап даровардан, гап занондан 2. бо гап дили *касеро* бардоштан, бо гап *касеро* хурсанд кардан

разговори́||ться *сов.* 1. *с кем* ба гап даромадан, гап сар кардан; ~**ться по душа́м** самимона суҳбат кардан 2. *разг.* ба гап даромада рафтан, бисьёр манаҳ задан; **под коне́ц он** ~**лся** дар охир вай ба гап даромада рафт

разговорник *м* суҳбатнома, китоби гуфтугу *(китоби дарсии забони хориҷӣ, ки дар он намунаҳои мусоҳиба дар мавзӯъҳои гуногуни зиндагонӣ дода мешавад)*

разговорный, -ая, -ое *в разн. знач.* гуфтугуӣ, ...и гуфтугу; **таджи́кский** ~ **язы́к** забони гуфтугуии тоҷикӣ

разгово́рчивость *ж* суҳбаторой, чақчақӣ

разгово́рчивый, -ая, -ое (разгово́рчив, -а, -о) чақчақӣ; **он челове́к** ~ вай одами чақчақӣ

разгово́рчики *мн. (ед.* **разгово́рчик** *м) разг.* майдагапӣ

разго́н *м* 1. *(по знач. гл.* **разогна́ть** 1, 2, 4, 5) пароканда (парешон) кардан(и); барҳам додан(и); *(по знач. гл.* **разогна́ться**) суръат гирифтан(и), сахт давидан(и); ~ **толпы** пароканда кардани издиҳом 2. *(расстояние)* масофа ◇ **с** ~**а, с** ~**у** тохта омада, бо суръат омада (рафта)

разго́нистый, -ая, -ое (разгонист, -а, -о) *разг. (о почерке, печати)* кушод-кушод; ~ **по́черк** хати кушод-кушод

разго́нка *ж* 1. *разг. см.* **разго́н** 1; 2. *тех.* куфтакорӣ 3. *хим.* тақтир

разго́нный, -ая, -ое *уст.* саворӣ *(оид ба аспҳо)*

разгонять *несов. см.* **разогна́ть**

разгоня́ться *несов.* 1. *см.* **разогна́ться**; 2. *страд.* пароканда карда шудан; барҳам дода шудан

разгора́живание *с (по знач. гл.* **разгороди́ть**) тавора кашидан(и), ҷудо кардан(и)

разгора́живать *несов. см.* **разгородить**

разгора́живаться *несов.* 1. *см.* **разгороди́ться**; 2. *страд.* тавора кашида шудан

разгора́ться *несов. см.* **разгорéться**

разгоре́||ться *сов.* 1. даргирифтан, аланга гирифтан, забона задан; **дрова́** ~**лись** ҳезум даргирифт; **костёр** ~**лся** гулхан забона зад 2. лолагун (сурх, шуълавар, афрухта) шудан; **восто́к** ~**лся** шарқ шуълавар шуд 3. *перен.* сурх-сурх шудан; **лицо́ её** ~**лось** рӯяш сурх-сурх шуд 4. *перен.* ба ҳаяҷон (ба ҷӯш) омадан, туғён кардан; **кровь** ~**лась** хун ҷӯшид 5. *перен.* ҷӯшидан, авҷ гирифтан, шиддат ёфтан; **бой** ~**лся** ҷанг шиддат ёфт; **ссо́ра** ~**лась** ҷанҷол авҷ гирифт ◇ **глаза́ (зу́бы)** ~**лись** *у кого на что* оби даҳан рафт, даҳан об кушод

разгороди́ть *сов. что* тавора кашидан, ҷудо кардан, девор кашида ҷудо кардан; ~ **ко́мнату** хонаро аз миён девор кашида ҷудо кардан

разгороди́ться *сов. с кем* тавора (девор) кашида ҷудо шудан

разгорячи́ть *сов. кого-что* 1. гарм кардан, тафсондан 2. *перен.* оташин (тез, маст) кардан, ҷӯшондан; ~ **кровь** сахт оташин кардан; ~ **коня́** аспро маст кардан

разгорячи́ться *сов.* 1. гарм шудан, тафсидан; ~ **от бы́строй ходьбы́** аз тезгардӣ тафсидан 2. *перен.* оташин (тез) шудан, ба ҷӯш омадан

разгра́бить *сов. кого-что* тороҷ (толон, ғорат, яғмо) кардан

разграблéние *с (по знач. гл.* **разгра́бить**) тороҷкунӣ, толонгарӣ, ғоратгарӣ, ғорату тороҷ; **отда́ть на пото́к и** ~ ба ғорату тороҷ додан

разграничéние *с (по знач. гл.* **разграни́чить**) ҳудудгузорӣ, марзакашӣ, фарқкунонӣ; *(по знач. гл.* **разграни́читься**) ҷудошавӣ, тафриқа; ~ **поня́тий** тафриқаи мафҳумҳо

разграни́чивание *с см.* **разграничéние**

разграни́чивать *несов. см.* **разграни́чить**

разграни́чиваться *несов.* 1. *см.* **разграни́читься**; 2. *страд.* ҳудуд гузошта шудан, марза кашида шудан; фарқ кунонда шудан

разграничительн||ый, -ая, -ое ҳудудгузоранда, ҷудокунанда; **~ая линия** хати ҳудуд

разграничить *сов. что* 1. ҳудуд гузоштан, марза (рош) кашида ҷудо кардан; **~ зе́мли** заминҳоро марза кашида ҷудо кардан 2. *перен.* аз ҳамдигар ҷудо кардан, фарқ кунондан

разграни́читься *сов.* аз ҳамдигар ҷудо шудан, фарқ (тафрика) доштан

разграфи́ть *сов. что* ҷадвал кашидан; **~ бума́гу** ҷадвал кашидан

разграфля́ть *несов. см.* **разграфи́ть**

разграфля́ться *несов. страд.* ҷадвал кашида шудан

разгреба́ние *с* (*по знач. гл.* **разгрести́**) паҳнкунӣ, парешонкунӣ, титкунӣ; **~ се́на** титкунии беда

разгреба́ть *несов. см.* **разгрести́**

разгреба́ться *несов.* паҳн (тунук) карда шудан

разгрести́ *сов. что* паҳн (тунук) кардан, пароканда (парешон) кардан

разгримирова́ть *сов. кого-что* гримро пок (тоза) кардан

разгримирова́ться *сов.* грими руи худро тоза кардан

разгро́м *м* 1. торумор, шикаст; **~ во́йск проти́вника** шикасти аскарони душман 2. хароб кардан(и), харобӣ, фатарот кардан(и); **~ го́рода** хароб кардани шаҳр 3. *разг.* ҳарҷумарҷ, бесарусомонӣ; **у него́ в кварти́ре по́лный ~** хонаи у бесару сомон аст

разгроми́ть *сов.* 1. *кого-что* торумор кардан, шикаст додан; **~ врага́** душманро торумор кардан 2. *что* хароб (фатарот) кардан

разгружа́ть *несов. см.* **разгрузи́ть**

разгружа́ться *несов.* 1. *см.* **разгрузи́ться**; 2. *страд.* аз бор холӣ карда шудан

разгрузи́ть *сов. кого-что* 1. аз бор холи кардан, борро фуровардан; **~ ваго́н** бори вагонро фуровардан 2. *перен. разг.* сабук кардан

разгрузи́||ться *сов.* 1. аз бор холӣ шудан, аз бор халос шудан, бори худро фуровардан; **парохо́д ~лся** бори киштӣ фуроварда шуд 2. *перен. разг.* сабук шудан

разгру́зка *ж* (*по знач. гл.* **разгрузи́ть** 1) аз бор холикунӣ, борфурорӣ; **~ самолётов** аз бор холикунии самолётҳо

разгру́зочн||ый, -ая, -ое ...и борфурорӣ; **~ые рабо́ты** корҳои борфурорӣ ◇ **~ый день** рузи парҳез

разгруппирова́ть *сов. кого-что* бар гуруҳҳо ҷудо (тақсим) кардан

разгруппирова́ться *сов.* ба гурӯҳҳо ҷудо (тақсим) шудан

разгрыза́ть *несов. см.* **разгры́зть**

разгрыза́ться *несов. страд.* бо дандон шикаста шудан

разгры́зть *сов. что* бо дандон шикастан, хоида шикастан; **~ оре́х** чормағзро бо дандон шикастан

разгры́зться *сов.* бо дандон шикаста шудан, хоида шудан

разгу́л *м* 1. (*удаль, ухарство*) айёшӣ, айшу нуш; (*кутёж*) бадмастӣ 2. *перен.* авҷ, шиддат; **~ реа́кции** авҷи реакция

разгу́ливать I *несов. разг.* сайру гашт карда гаштан; **~ по па́рку** дар боғ сайру гашт карда гаштан

разгу́ливать II *несов. см.* **разгуля́ть**

разгу́ливаться *несов. см.* **разгуля́ться** 2—4

разгу́лье *с разг.* айшу ишрат; хурсандӣ, хушвактӣ

разгу́льн||ый, -ая, -ое (разгу́|лен, -льна, -льно) 1. *разг.* ...и айшу ишрат, айёшона, ишратпараст(она); **~ый о́браз жи́зни** зиндагонии айёшона; **~ая компа́ния** аҳли ишрат 2. *уст.* ғаюр

разгуля́ть *сов. разг.* 1. *что* бартараф (рафъ) кардан; **~ тоску́** ғуссаро бартараф кардан 2. *кого* хобро паррондан (гурезондан)

разгуля́||ться *сов. разг.* 1. сарғарми дилхушӣ шудан; ба айёшӣ сар кардан 2. (*дать себе волю*) авҷ гирифтан// (*о ветре, волнах и т. п.*) шиддат ёфтан, авҷ гирифтан; **вью́га ~лась** тундбод шиддат ёфт; **мо́ре ~лось** баҳр талотум кард 3. (*перестать хотеть спать*) хобро паррондан 4. кушода (соф) шудан; **день ~лся** рузона ҳаво соф шуд

разда́бривать(ся) *несов. см.* **раздо́брить(ся)**

раздава́ть *несов. см.* **разда́ть** I

раздава́ться I, II *несов. см.* **разда́ться** I, II

раздава́ться III *несов. страд.* дода шудан, тақсим карда шудан

раздави́ть *сов.* 1. *что* пачақ кардан // *кого-что* (*искалечить, убить*) маъюб кардан, зер карда куштан 2. *кого-что перен.* торумор кардан, ба хок яксон кардан; **~ непри́ятеля** душманро ба хок яксон кардан; **~ мятёж** исьёнро пахш кардан 3. *кого перен.* маъюс кардан, хаста кардан 4. *что прост.* нушидан, хӯрдан; **~ стака́нчик** як стакон шароб нӯшидан

разда́вливать *несов. см.* **раздави́ть**

разда́вливаться *несов. страд.* пачақ карда шудан

разда́ивание *с* (*по знач. гл.* **раздо́ить**) *с.-х.* сершир кардан(и); **~ коро́в** сершир кардани говҳо

разда́ивать *несов. см.* **раздо́ить**

разда́иваться *несов.* 1. *см.* **раздо́иться**; 2. *страд.* шири зиёд дода шудан

разда́лбливать *несов. см.* **раздолби́ть**

разда́лбливаться *несов. страд.* васеътар карда шудан

разда́ривать *несов. см.* **раздари́ть**

разда́риваться *несов. страд.* ҳадья карда шудан

раздари́ть *сов. что* бисьёр туҳфа кардан

разда́точный, -ая, -ое... тақсим; **~ пункт** пункти тақсим

разда́тчик *м* тақсимкунанда

разда́тчица *женск. к* **разда́тчик**

разда́ть I *сов. кого-что* додан, тақсим карда додан; **~ кни́ги** китобҳоро тақсим карда додан

разда́ть II *сов. что прост.* васеътар (калонтар) кардан; озодтар кардан; **~ ту́фли на коло́дке** туфлиро ба қолиб кашида калонтар кардан

разда́||ться I *сов.* шунида шудан; **~лся смех** хандае шунида шуд, овози хандае ба гуш расид; **~лся вы́стрел** овози тир баромад

разда́||ться II *сов.* 1. ба ду тараф шудан, ҷудо шудан, булак шудан; **толпа́ ~лась** издиҳом ба ду тараф ҷудо шуд *перен.* васеътар (фарохтар) шудан, кушод шудан; **уще́лье ~ло́сь** дара васеътар шудааст 2. васеътар (калонтар) шудан, кушода шудан, кашида шудан; **сапоги́ ~ли́сь** муза васеътар шудааст 3. *разг.* фарбеҳ шудан; **~ться в та́лии** шикам мондан

разда́ча *ж* (*по знач. гл.* **разда́ть** I) додан(и), тақсим карда додан(и); **~ пода́рков** тақсим карда додани тӯҳфаҳо

раздва́ивание *с см.* **раздвое́ние** 1

раздва́ивать *несов. см.* **раздвои́ть**

раздва́иваться *несов.* 1. *см.* **раздвои́ться**; 2. *страд.* ду тақсим карда шудан

раздвига́ние *с* (*по знач. гл.* **раздви́нуть**) ба ду тараф ҷудо кардан(и), ба ду тараф кашидан(и); (*по знач. гл.* **раздви́нуться**) ба ду тараф ҷудо шудан(и)

раздвига́ть *несов. см.* **раздви́нуть**

раздвига́||ться *несов.* 1. *см.* **раздви́нуться**; 2. (*быть раздвижным*) ба ду тараф боз шудан; **стол ~ется** стол ба ду тараф боз мешавад

раздвижно́й, -а́я, -о́е ба ду тараф ҷудошаванда, ду булак шаванда, ба ду тараф кушодашаванда; **~ за́навес** пардаи ба ду тараф кушодашаванда; **~ стол** столи ба ду тараф ҷудошаванда

раздви́нуть *сов.* 1. *что* ба ду тараф кашидан, ба ду тараф ҷудо кардан; **~ за́навес** пардаро ба ду тараф кашидан 2. *кого-что* ду тараф тела дода роҳ кушодан 3. *что* васеътар (дароз тар, паҳнтар) кардан; **~ стол** столро ба ду тараф кашида дарозтар кардан

раздви́ну||ться *сов.* 1. ба ду тараф ҷудо (кушода, боз) шудан; **портье́ра ~лась** парда ба ду тараф кушода шуд 2. ба ду тараф ҷудо шудан, худро ақиб кашидан; **толпа́ ~лась** издиҳом ба ду тараф ҷудо шуд

раздвое́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **раздвои́ть**) ду тақсим (ду булак) кардан(и); (*по знач. гл.* **раздвои́ться**) ду тақсим (ду бӯлак) шудан(и); духела шудан(и) 2. ҷуфтак; **копы́то с ~м** суми ҷуфтак

раздво́енность *ж* парешонӣ, парокандагӣ; дугонагӣ; **~ мы́слей** парешонии фикр

раздво́енн||ый, раздвоённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ду булак кардашуда 2. *прил.* ҷуфтак; **~ое копы́то** суми ҷуфтак 3. *прил. перен.* парешон, пароканда, дугона; **~ая мысль** фикри мухталиф (парешон)

раздвои́ть *сов. что* ду катор (тақсим, булак) кардан

раздвои́||ться *сов.* 1. ду катор (тақсим, булак) шудан; душоха шудан; **ручéй ~лся** дарьёча ба ду шохоб ҷудо шуд; **де́рево ~лось** дарахт ду-

шоха шуд 2. *перен.* парешон (пароканда) шудан; **сознание ~лось** фикр парешон шуд

раздева́лка *ж разг.* хонаи либоскашӣ

раздева́ние *с* (*по знач. гл.* **разде́ть** *и* **разде́ться**) либоскашӣ, кашидани либос

раздева́ть *несов. см.* **разде́ть**

раздева́ться *несов.* 1. *см.* **разде́ться**; 2. *страд.* луч шудан

разде́л *м* 1. (*по знач. гл.* **раздели́ть** 1) тақсимкунӣ, ҷудокунӣ, тақсимот; (*по знач. гл.* **раздели́ться** 3) ҷудошавӣ; **~ иму́щества** тақсимоти молу мулк 2. фасл, боб, қисм; **~ кни́ги** фасли китоб; **до́говор состои́т из не́скольких ~ов** шартнома аз якчанд қисмҳо иборат аст 3. (*граница*) ҳад, ҳудуд

разде́лать *сов.* 1. *что* аз даст баровардан, буд кардан; тахия кардан; **~ гря́дки** ҷуяк кашидан; **~ ту́шу** қассобӣ кардан 2. *что подо что* нақшу нигор кардан; **~ сте́ны под берёзу** деворро ба намуди чуби дарахти тус нақшу нигор кардан 3. *кого перен. прост.* ҷазо додан 4. *что* (*расширить отверстие*) васеъ кардан ◇ **~ под оре́х кого́-л.** касеро ба тахта кашидан

разде́ла||ться *сов. разг. с кем-чем* 1. ҳисобро баробар кардан, тамом кардан, халос (озод) шудан; **~ться с долга́ми** аз қарзҳо халос шудан, қарзҳои худро пардохтан 2. интиқом гирифтан, қасос гирифтан, ҷазои *касеро* додан; **я с ним ещё ~юсь!** ман ҳоло ҷазои уро медиҳам!

разделе́ние *с* (*по знач. гл.* **раздели́ть** 1, 2) тақсимкунӣ, ҷудокунӣ, тақсимот; (*по знач. гл.* **раздели́ться** 1, 3) тақсимшавӣ, ҷудошавӣ; **междунаро́дное ~ труда́** тақсимоти байналхалқии меҳнат

раздели́тельный, -ая, -ое ҷудокунанда, фарқкунанда, ҷудоӣ, махсус ◇ **~ сою́з** *грам.* пайвандаки ҷудоӣ

раздели́ть *сов.* 1. *что* тақсим (ҷудо) кардан; **~ зе́млю** заминро тақсим кардан; **~ кни́гу на главы** китобро ба бобҳо тақсим кардан 2. *кого-что* аз ҳам ҷудо (дур) кардан; **толпа́ раздели́ла их** издиҳом онҳоро аз ҳам ҷудо кард 3. *что с кем* бо ҳам дидан, шарик шудан; **~ обе́д** *с кем* наҳориро бо ҳам дидан 4. *что* шарик шудан; **~ у́часть кого́-л.** ба қисмати касе шарик шудан; **~ го́ре с ке́м-л.** ба мусибати касе шарик шудан 5. *со словами «мнение», «убеждение», «взгляды» и т. п.* ҳамфикр (ҳамраъй) шудан; **~ чьё-л. мне́ние** бо касе ҳамфикр шудан 6. *мат.* тақсим кардан; **~ два́дцать на пять** бистро ба панҷ тақсим кардан

раздели́||ться *сов.* 1. тақсим (ҷудо) шудан, аз ҳам ҷудо шудан; **~ться на ча́сти** ба қисмҳо ҷудо шудан; **тропи́нка ~лась** пайраҳа ба ду ҷудо шуд // ба гуруҳҳо ҷудо шудан; **~ться по́ двое** дуто-дуто ҷудо шудан 2. (*разойтись в чём-л.*) ихтилоф пайдо шудан, гуногун шудан; **мне́ния ~лись** ақидаҳо мухталиф шуданд 3. (*разделить имущество и т. п.*) ҷудо шудан, мустақил шудан 4. *мат.* тақсим шудан

разде́лка *ж* 1. (*по знач. гл.* **разде́лать** 1, 2, 4) будкунӣ; таҳиякунӣ; **~ гря́док** ҷуяккашӣ 2. *спец.* хиштбасти мурӣ 3. *спец.* ороиши мебель 4. *уст.* анҷом, оқибат, поён

разде́лочный, -ая, -ое ...и таҳия; **~ цех** цехи таҳия

разде́лывание *с см.* **разде́лка**

разде́лывать *несов.* 1. *см.* **разде́лать**; 2. *что и без доп. разг.* (*вытворять*) қилиқ кардан

разде́лываться *несов.* 1. *см.* **разде́латься**; 2. *страд.* таҳия карда шудан, нақшу нигор карда шудан

разде́льно *нареч.* 1. алоҳида, ҷудогона; **жить ~** алоҳида зиндагӣ кардан 2. ҷудо, ҷудо-ҷудо; **написа́ть ~** ҷудо навиштан 3. канда-канда; **произнести́ ~** канда-канда талаффуз кардан

разде́льность *ж* алоҳидагӣ, ҷудоӣ, танҳоӣ

разде́льн||ый, -ая, -ое 1. алоҳида, ҷудогона, танҳо; **~ая жизнь** зиндагонии алоҳида 2. (*о правописании*) ҷудо, аз ҳам ҷудо; **~ое написа́ние** навишти ҷудо 3. (*с перерывами, паузами*) канда-канда, ҷудо-ҷудо; **~ая речь** сухани канда-канда

разделя́ть *несов. см.* **раздели́ть**

разделя́||ться *несов.* 1. *см.* **раздели́ться**; 2. тақсим (ҷудо) шудан; **пти́цы ~ются на дневны́х и ночны́х** паррандаҳо ба ду тақсим мешаванд — ба паррандаҳои руз ва паррандаҳои шаб 3. *страд.* тақсим (ҷудо) карда шудан

раздёргать *сов. что разг.* канда тит кардан, кашида ҷудо кардан; титу пора кардан

раздёргивать *несов. см.* **раздёргать** *и* **раздёрнуть**

раздёргиваться *несов.* 1. *см.* **раздёрнуться**; 2. *страд.* титу пора карда шудан; кушода шудан

раздёрнуть *сов. что разг.* кашида (канда) ҷудо кардан, кушодан; **~ портье́ры** пардаҳоро кушодан

раздёрнуться *сов. разг.* ҷудо (кушода) шудан

раздё́тый, -ая, -ое 1. *прич.* бараҳна кардашуда 2. *прил.* (раздет, -а, -о) луч, бараҳна, урьён 3. *тк. кр. ф. разг.* бесару либос, мухтоҷи пушок; **он совсе́м раздет** вай тамоман сарулибос надорад

разде́ть *сов. кого* 1. луч (бараҳна, урьён) кардан, либос кашидан; **~ ребёнка** либоси кудакро кашидан 2. *разг.* (*ограбить*) тороҷ (ғорат) кардан

разде́ться *сов.* луч (бараҳна, урьён) шудан, либос кашидан, либоси худро кашидан; **~ догола́** луч шудан

раздира́||ть *несов.* 1. *см.* **разодра́ть**; 2. *что перен.* (*вызвать противоречия*) ихтилоф (низоъ) пайдо кардан 3. *что перен.* азоб додан, реш-реш кардан; **тоска́ ~ет се́рдце** аз ғаму андуҳ дилам ғаш мекунад

раздира́ться *несов.* 1. *см.* **разодра́ться**; 2. *страд.* дарронда шудан, пора-пора карда шудан

раздира́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* дарронанда, поракунанда 2. *прил.* дилхарош, ҳузнангез, ҷонгудоз; **~ая ду́шу карти́на** манзараи дилхарош

раздобре́ть *сов. разг.* фарбеҳ (тануманд) шудан, гушт гирифтан

раздо́брить *сов. кого разг.* нармдил (ҳимматнок, сахӣ) кардан

раздо́бриться *сов. разг.* нармдил шудан, ҳиммат пайдо кардан

раздобыва́ть *несов. см.* **раздобы́ть**

раздобы́ть *сов. что, чего разг.* бо душворӣ ёфтан; **~ де́ньги** бо душворӣ пул ёфтан

раздои́ть *сов. кого-что* сершир кардан

раздои́ться *сов.* сершир шудан

раздолби́ть *сов. что разг.* 1. канда (кофта) васеътар кардан, искана зада васеътар кардан; **~ отве́рстие** сурохро искана зада васеътар кардан 2. (*разбить*) зада шикастан (кафондан)

раздо́лье *с* 1. вусъат, паҳной; **степно́е ~** вусъати дашт 2. *перен. разг.* дами беғам; **здесь ему́ ~!** ин ҷо дами беғам мезанад

раздо́льн||ый, -ая, -ое (раздо́|лен, -льна, -льно) *разг.* 1. васеъ, паҳн; **~ые луга́** марғзори васеъ 2. *перен.* беғамона; **~ая жизнь** ҳаёти беғамона

раздо́р *м* низоъ, нифоқ, ҷанҷол; **ссо́ры и ~ы** ҷангу ҷидол ◇ **я́блоко ~а** тухми низоъ

раздоса́довать *сов. кого разг.* ранҷондан, хафа (озурда) кардан

раздосадоваться *сов. разг.* ранҷидан, хафа (озурда) шудан

раздража́||ть *несов.* 1. *кого* ранҷондан, оташин (хашмгин) кардан, ба ҷон расондан; **его́ слова́ меня́ ~ют** гапҳояш ба ҷонам расондаанд 2. *что* ангехтан; озурда кардан, дард кунондан, сузондан; **~ть не́рвные оконча́ния** нуги асабро ангехтан; **~ ра́ну** яраро озурда кардан 3. *что разг.* ба ҷуш овардан, зиёд кардан; **~ аппети́т** иштиҳо овардан

раздража́||ться *несов.* 1. ранҷидан, хафа (оташин, дарғазаб) шудан; **он легко́ ~ется** вай зуд меранҷад 2. (*воспаляться*) варам кардан, сурх шудан

раздража́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* оташинкунанда, ғазабангез 2. *прил.* дилхарош, озордиҳанда; **~ие кри́ки** фарьёдҳои дилхарош

раздраже́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **раздража́ть**) таъсир кардан(и), барангехтан(и); (*по знач. гл.* **раздража́ться** 2) варам кардан(и), сурх шудан(и); **~ ко́жи** варам кардани пуст 2. хашмгинӣ, оташинӣ; **прийти́ в ~** оташин шудан

раздражённость *ж* озурдагӣ, оташинӣ, қаҳролудӣ

раздражённый, -ая, -ое 1. *прич.* бадқаҳр кардашуда, оташин кардашуда 2. озурда, хашмгин, оташин, қаҳролуд; **~ во́зглас** нидои қаҳролуд

раздражи́тель *м* ангезанда, муассир; **хими́ческий ~** ангезандаи химиявӣ

раздражи́тельно *нареч.* хашмангез(она), бадқаҳрона; **отве́тить ~** хашмангез ҷавоб додан

раздражи́тельность *ж* зудранҷӣ, тундмизоҷӣ, тундӣ, тезӣ; хашмгинӣ, қаҳролудӣ

раздражи́тельн||ый, -ая, -ое (раздражи́те|лен, -льна, -льно) 1. зудранҷ, тундмизоҷ, тунд, тез; хашмгин(она), қаҳролуд; **он стал ~ым** вай зудранҷ шудааст 2. ангезанда

раздражи́ть *сов. см.* **раздража́ть**

раздражи́ться *сов. см.* **раздража́ться** 1, 2

раздра́знивать *несов. см.* **раздразни́ть**

раздра́зниваться *несов. страд.* оташин карда шудан

раздразни́ть *сов.* 1. *кого* ба қаҳр овардан, тез кардан, оташин кардан; **~ соба́ку** сагро тез кардан 2. *что* ангехтан; **~ аппети́т** иштиҳо овардан; **~ любопы́тство** ҳисси кунҷковиро бедор кардан

раздрако́нивать *несов. см.* **раздрако́нить**

раздрако́нить *сов. кого-что прост.* сахт дашном (ҳақорат) кардан

раздроби́ть *сов. что* 1. майда (пора-пора) кардан, куфта майда кардан, шикастан; **~ кость** устухонро майда-майда кардан 2. *(разделить)* тақсим (бӯлак, ҷудо) кардан, ба узвҳо (ба қисмҳо, ба ҷузъҳо) ҷудо кардан

раздроби́||ться *сов.* 1. майда (пора-пора, реза-реза) шудан; **ка́мень ~лся** санг пора-пора шуд 2. тақсим (ҷудо) шудан; ба узвҳо (ба қисмҳо, ба ҷузъҳо) ҷудо шудан

раздробле́ние *с* (*по знач. гл.* **раздроби́ть**) майдакунӣ, шикастан(и); тақсимкунӣ, ҷудокунӣ; (*по знач. гл.* **раздроби́ться**) майдашавӣ; тақсимшавӣ; **~ ко́сти** шикастани устухон

раздро́бленность, раздроблённость *ж* парокандагӣ (реза-реза, пора-пора) будан(и)

раздро́бленн||ый, раздроблённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* майда кардашуда 2. *прил.* шикаста, реза; **~ый ка́мень** санги шикаста; **~ая кость** устухони шикаста 3. *прил.* майда, реза, бӯлак-бӯлак, пароканда; **~ые хозя́йства** хоҷагиҳои майда

раздробля́ть *несов. см.* **раздроби́ть**

раздробля́ться *несов.* 1. *см.* **раздроби́ться**; 2. *страд.* майда карда шудан

раздружи́ть *сов. кого с кем-чем разг.* ҷангӣ (қаҳрӣ) кардан, риштаи дӯстӣ кандан

раздружи́ться *сов. с кем-чем и без доп. разг.* риштаи дӯстӣ кандан; **~ со все́ми ста́рыми прия́телями** аз ҳамаи дӯстҳои дерина алоқаро кандан // *перен.* бегона кардан, дур шудан

раздува́ние *с* (*по знач. гл.* **разду́ть**) пуф карда даргирондан(и); муболиға кардан(и), беҳад зиёд кардан(и); (*по знач. гл.* **разду́ться**) дамидан(и); **~ огня́** пуф карда гирондани оташ; **~ шта́тов** беҳад зиёд кардани шумораи коркунон

раздува́ть *несов.* 1. *см.* **разду́ть**; 2. *что разг. (развевать)* дамондан

раздува́ться *несов.* 1. *см.* **разду́ться**; 2. *страд.* пуф карда даргиронда шудан, зиёд карда шудан

разду́мать *сов. с неопр.* аз фикр гаштан, аз қарор (аз ният) гаштан; **~ е́хать** аз фикри рафтан баргаштан

разду́маться *сов. о ком-чём и без доп. разг.* ба фикр (ба хаёл) ғӯтидан, ба фикру хаёл гарқ шудан, ба андеша афтодан

разду́мчивый, -ая, -ое (разду́мчив, -а, -о) *прост.* андешаманд, пурандеша

разду́мывание *с* (*по знач. гл.* **разду́мывать**) ба фикр рафтан(и), андеша кардан(и); **до́лгое ~** андешаи дуру дароз

разду́мыва||ть *несов.* 1. ба фикр рафтан, дар фикре будан, фикр (андеша) кардан 2. *(колебаться)* дудила шудан; шубҳа кардан; **я ~л, согласи́ться на э́то и́ли нет** ман дар андеша будам, ки ба ин розӣ шавам ё не

разду́мье *с* 1. фикру хаёл, андеша; **погрузи́ться в ~** ғарқи андеша шудан 2. *(колебание)* дудилагӣ, дудила шудан(и); **меня́ взя́ло ~** ман дудила шудам

разду́тость *ж разг.* калон (васеъ) будан(и), зиёдӣ; **~ сме́ты** боасос зиёд будани смета

разду́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* дамкардашуда, варамкунондашуда 2. *прил. разг.* варамкарда, варамида, дамида; **~ая щека́** лунҷи дамида 3. *прил. перен. разг.* пурвоҳима, пурмуболиға

разду́ть *сов. что* 1. пуф карда паррондан (пош додан); **~ пе́пел** хокистарро пуф карда пош додан 2. пуф карда даргирондан; **~ ого́нь** оташро пуф карда даргирондан 3. пурбод кардан; **~ пузы́рь** пуфакро пурбод кардан 4. *безл. разг.* варамидан, варам кардан; **у него́ разду́ло щёку** лунҷи вай варам кардааст 5. *перен.* калон карда нишон додан, беҳад зиёд кардан, муболиға кардан; **~ де́ло** аз пашша фил сохтан ◇ **~ кади́ло** *прост.* 1) ғавғо бардоштан 2) ягон корро авҷ гирондан

разду́||ться *сов.* 1. пурбод шудан; **пузы́рь ~лся** пуфак пурбод шуд 2. варам (дам) кардан; **щека́ ~лась** лунҷ варам кард

разева́ть *несов. см.* **рази́нуть**

разжа́лобить *сов. кого-что* ба тараҳҳум (ба риққат) овардан; **пыта́ться ~ кого́-л.** касеро ба тараҳҳум оварданӣ шудан

разжа́лобиться *сов. разг.* ба риққат омадан

разжа́лование *с* (*по знач. гл.* **разжа́ловать**) аз унвон (аз мансаб) фуровардан(и), азл кардан(и)

разжа́лованный, -ая, -ое *уст.* 1. *прич.* аз унвон (аз мансаб) фуровардашуда, маъзул 2. *прил.* маъзул; **~ офице́р** офицери маъзул 3. *в знач. сущ.* **разжа́лованный** *м* маъзул

разжа́ловать *сов. кого уст.* маъзул (маҳрум) кардан; **~ офице́ра в солда́ты** офицерро ба дараҷаи солдати қаторӣ маъзул кардан

разжа́ть *сов. что* кушодан, боз кардан; **~ кулаки́** муштҳоро кушодан

разжа́||ться *сов.* кушода (боз) шудан, аз ҳамдигар ҷудо шудан; **па́льцы ~лись** ангуштон кушода шуданд

разжева́ть *сов. что* 1. хоидан; **~ хлеб** нон хоидан 2. *перен. прост.* хоида додан, бисьёр содда баён кардан ◇ **~ и (да) в рот положи́ть** хоида додан, хоида ба даҳан андохтан

разжева́||ться *сов. разг.* хоида шудан; **хлеб с трудо́м ~лся** нон ба зӯр хоида шуд

разжёвывание *с* (*по знач. гл.* **разжева́ть**) хоиш, хоидан(и)

разжёвывать *несов. см.* **разжева́ть**

разжёвываться *несов.* 1. *см.* **разжева́ться**; 2. *страд.* хоида шудан

разже́чь *сов. что* 1. даргирондан; **~ ого́нь** оташро даргирондан; **~ костёр** гулхан кардан 2. *перен.* авҷ гирондан, барангехтан, шиддат додан; **~ не́нависть** адоват барангехтан

разже́чься *сов.* 1. аланга гирифтан, даргирифтан; **дрова́ разожгли́сь** ҳезум даргирифт 2. *перен.* авҷ (аланга) гирифтан, баланд шудан, шиддат ёфтан

разжи́ва *ж прост.* 1. (*по знач. гл.* **разжи́ться** 1) бойшавӣ, давлатманд шудан(и) 2. *(выгода, польза)* фоида, манфиат, нафъ

разжива́ться *несов. см.* **разжи́ться**

разжи́г *м* (*по знач. гл.* **разже́чь** 1) даргиронӣ; **~ у́гля** даргиронии ангишт

разжига́ние *с* (*по знач. гл.* **разже́чь**) даргиронӣ; барангезиш

разжига́ть *несов. см.* **разже́чь**

разжига́ться *несов.* 1. *см.* **разже́чься**; 2. *страд.* даргиронда шудан

разжиди́ть *сов. что разг.* равонтар (суюқтар, тунуктар, шурруттар) кардан; **~ суп** шӯрборо суюқтар кардан

разжиди́ться *сов. разг.* равонтар (суюқтар, тунуктар, шурруттар) шудан

разжижа́ть *несов. см.* **разжиди́ть**

разжижа́ться *несов.* 1. *см.* **разжиди́ться**; 2. *страд.* равонтар карда шудан

разжиже́ние *с* (*по знач. гл.* **разжиди́ть**) суюқтаркунӣ, тунуктаркунӣ, шурруттаркунӣ; (*по знач. гл.* **разжиди́ться**) тунуктаршавӣ, суюқтаршавӣ, шурруттаршавӣ

разжима́ть *несов. см.* **разжа́ть**

разжима́ться *несов.* 1. *см.* **разжа́ться**; 2. *страд.* кушода (боз карда) шудан

разжире́ть *сов. разг.* хеле фарбеҳ шудан, равған бастан, бурдоқӣ шудан

разжи́ться *сов. разг.* 1. *(разбогатеть)* бой (сарватманд, давлатманд) шудан 2. *чем* пул (мол) ба даст даровардан; **где бы мне деньга́ми ~?** чӣ тавр карда пул ёбам?

разжужжа́||ться *сов. разг.* ба виззосзанӣ даромадан; **шмели́ ~лись** занбӯрҳо ба виззосзанӣ даромаданд

раззадо́ривать *несов. см.* **раззадо́рить**

раззадо́риваться *несов.* 1. *см.* **раззадо́риться**; 2. *страд.* ситезонда шудан

раззадо́рить *сов. кого разг.* ситезон-

дан, барангехтан, тез кардан, оташин кардан

раззадо́риться *сов. разг.* ситезидан, тез шудан, оташин шудан

раззва́нивать *несов. см.* **раззвони́ть**

раззвони́ть *сов. что, о ком-чём и без доп. разг.* овоза (пахн) кардан, ҷор задан; ~ **о свои́х наме́рениях** ниятҳои худро овоза кардан ◇ ~ **во все колокола́** *прост.* дар кучаву паскӯча гапу калоча карда гаштан

раззева́ться *сов.* 1. *разг.* ба хамьёзакашӣ даромадан 2. *перен.* даҳон яла кардан

раззнако́мить *сов. кого разг.* ошноҳоро аз якдигар ҷудо кардан, алоқаи байни дӯстонро кандан

раззнако́миться *сов. с кем разг.* тарки ошноӣ намудан, ошноиро бас кардан, алоқаро кандан

раззнако́мливать(ся) *несов. см.* **раззнако́мить(ся)**

раззола́чивать *несов. см.* **раззолоти́ть**

раззола́чиваться *несов. страд.* зарҳалкорӣ (зарандуд) карда шудан

раззолоти́ть *сов. что разг.* зарҳалкорӣ (зарандуд) кардан

раззоло́ченный, -ая, -ое *прич., прил.* зарандуд

раззуде́ться *сов. прост.* 1. сахт хоридан гирифтан, бисьёр хориш кардан 2. *перен.* ба ғайрат омадан, ғаюр шудан

раззя́ва *м, ж прост. бран. см.* **рази́ня**

рази́нуть *сов. что разг.* кушодан, яла (боз) кардан ◇ ~ **гло́тку** *груб.-прост.* гулу дарройдан, наъра кашидан; ~ **рот** *прост.* 1) ба гап сар кардан, даҳон кушодан 2) бисьёр парешонхотир (парешонфикр) будан 3) дар ҳайрат мондан

рази́ня *м, ж разг.* даҳаньяла, даҳанвоз, ҳапал

рази́тельность *ж* тааҷҷубовар будан(и), ҳайратангезӣ, шигарф будан(и)

рази́тельн||ый, -ая, -ое (рази́те|лен, -льна, -льно) тааҷҷубовар, ҳайратангез, шигарф; ~**ое схо́дство** шабоҳати ҳайратангез

рази́ть I *несов. кого-что книжн.* 1. задан, маҷрӯҳ кардан 2. *перен.* ғалаба кардан, ғолиб омадан, мағлуб кардан; ~ **враго́в** душманро мағлуб кардан

рази́||ть II *сов. чем прост. безл.* буй омадан; **от него́** ~**т лу́ком** аз вай буи пиёз меояд

разлага́ть *несов. см.* **разложи́ть** 5—7

разлага́ться *несов.* 1. *см.* **разложи́ться** 2—4; 2. *страд.* таҷзия карда шудан; тақсим карда шудан; вайрон карда шудан

разлага́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* ба ҷузъҳо ҷудокунанда, таҷзиякунанда; тақсимкунанда 2. *прил.* фасодангез; ~**ее влия́ние** таъсири фасодангез

разла́д *м* 1. вайронӣ, носозӣ, бесарусомонӣ, бетартибӣ; ~ **в рабо́те** бесарусомонии кор 2. низоъ, ноаҳлӣ; **вноси́ть** ~ низоъ андохтан; **жить в** ~**е** ноаҳлона зиндагӣ кардан

разла́дить *сов. что разг.* 1. вайрон (хароб, носоз) кардан, аз кор баровардан; ~ **маши́ну** мошинро аз кор баровардан 2. вайрон кардан, халал расондан; ~ **сва́дьбу** туйро вайрон кардан

разла́ди||ться *сов. разг.* 1. вайрон (хароб, носоз) шудан, аз кор баромадан; **механи́зм** ~**лся** механизм аз кор баромад 2. вайрон (носоз) шудан; **отноше́ния ме́жду ни́ми** ~**лись** муносибати онҳо вайрон шудааст 3. ноҷӯр (носоз) шудан; **поя́н** ~**лся** баян ноҷур шудааст

разла́дица *ж уст. и прост. см.* **разла́д**

разла́женность *ж* вайронӣ, хароби, носозӣ, ноҷурӣ

разла́женный, -ая, -ое 1. *прич.* вайрон (хароб, носоз) кардашуда 2. *прил.* вайрон, хароб, носоз; ~ **мото́р** мотори вайрон

разла́живать *несов. см.* **разла́дить**

разла́живаться *несов.* 1. *см.* **разла́диться**; 2. *страд.* вайрон (хароб) карда шудан

разла́мывание *с* (*по знач. гл.* **разлома́ть** *и* **разломи́ть** 1) пора-поракунӣ, тикка-тиккакунӣ

разла́мывать *несов. см.* **разлома́ть** *и* **разломи́ть**

разла́мыва||ться *несов.* 1. *см.* **разлома́ться** *и* **разломи́ться**; 2. *разг.* сахт дард кардан, торс кафидан; **у меня́ голова́** ~**ется** сарам торс кафида истодааст 3. *страд.* шикаста шудан, пора-пора карда шудан

разла́пистый, -ая, -ое сершох, анбӯҳ; ~ **дуб** булути анбӯҳ

разла́пый, -ая, -ое *прост. см.* **разла́пистый**

разла́я||ться *сов.* 1. *разг.* аккос задан гирифтан, ба аккос даромадан, ак-ак кардан; **соба́ка** ~**лась** саг ба аккос даромад 2. *прост. перен.* ҷанҷол (ҳақорат) кардан

разлеза́ться *несов. см.* **разле́зться**

разле́з||ться *сов. прост.* 1. даридан, ҷирға-ҷирға шудан; **ю́бка совсе́м** ~**лась** юбка батамом ҷирға-ҷирға шудааст 2. аз ҳам рехтан, вайрон шудан, хароб гаштан

разлени́ваться *несов. см.* **разлени́ться**

разлени́ться *сов. разг.* танбал (лаванд, беҳавсала) шудан

разлепи́ть *сов. что разг.* кандан, ҷудо кардан (*чизҳои часпида ё часпондашударо*)

разлепи́ться *сов. разг.* канда (ҷудо) шудан (*оид ба чизҳои часпида ё часпондашуда*)

разлепля́ть *несов. см.* **разлепи́ть**

разлепля́ться *несов.* 1. *см.* **разлепи́ться**; 2. *страд.* ҷудо карда шудан

разлёт *м* 1. (*по знач. гл.* **разлете́ться** 1) парида рафтан(и), паридаравӣ; ~ **птиц** парида рафтани паррандагон 2. суръат, шаст; **уда́риться с** ~**а** бо шаст омада задан (дакка хӯрдан)

разлета́йка *ж разг.* кифтпӯшак

разлета́||ться I *несов.* 1. *см.* **разлете́ться**; 2. *разг.* пахн (парешон) шудан; **во́лосы** ~**ются** муйҳо парешон мешаванд // (*о полах платья*) кушода (бардошта) шудан

разлета́ться II *сов. разг.* ба парвоз даромадан, саргарми парвоз шудан

разлете́||ться *сов.* 1. парида рафтан, парида (парвоз карда) пароканда шудан; **пти́цы** ~**лись** паррандаҳо парида рафтанд // парешон (пахн) шудан; **ли́стья** ~**лись** баргҳо пахн шуданд 2. монда рафтан; **шко́льники** ~**лись по дома́м** мактаббачагон хона ба хона монда рафтанд 3. *перен.* тез пахн (овоза) шудан; **весть** ~**лась по го́роду** хабар дар шаҳр тез пахн шуд 4. *разг.* чинга-чинга (пора-пора, майда-майда) шудан; **стекло́ со звоно́м** ~**лось** шиша ҷарангосзанон шикаста пора-пора шуд 5. *перен.* хеҷ шудан, пуч баромадан, бар бод рафтан; **мечты́** ~**лись** орзу ва хаёлҳо бар бод рафтанд 6. *разг.* суръат гирифтан, бо шаст рафтан (тохтан, ҳаракат кардан) 7. *разг.* давида наздик шудан, тохта омадан ◇ ~**ться пра́хом** бар бод рафтан, хоку туроб шудан

разле́чься *сов. разг.* 1. дароз кашидан, дароз кашида хобидан, ёзидан; ~ **на дива́не** дар болои диван дароз кашидан 2. ҷой гирифтан, пахн шудан

разли́в *м* 1. (*по знач. гл.* **разли́ть** 2) рехтан(и); ~ **вина́** ба шиша рехтани май; ~ **мета́лла** рехтани металли гудохта 2. (*по знач. гл.* **разли́ться** 3, 4) туғьён кардан(и), дамидан(и); паҳншавӣ, фаро гирифтан(и); ~ **реќи** дамидани дарьё 3. обхез, туғьён

разлива́ние *с* (*по знач. гл.* **разли́ть** 2) рехтан(и)

разлива́нн||ый, -ая, -ое: ~**ое мо́ре** *разг. шутл.* дарьё-дарьё (*оид ба машрубот*); **вина́ бы́ло — мо́ре** ~**ое** май дарьё-дарьё буд

разлива́тельн||ый, -ая, -ое ...и моеърезӣ, ...и резиш; ~**ая ло́жка** кафлез

разлива́ть *несов. см.* **разли́ть**

разлива́||ться *несов.* 1. *см.* **разли́ться**; 2. чаҳ-чаҳ задан; **солове́й** ~**ется** булбул чаҳ-чаҳ мезанад 3. *разг.* ҳарза гуфтан, пургӯй кардан, ба гап ҷома пӯшондан 4. *разг.* навҳа кардан, сахт гирья кардан 5. *страд.* рехта (андохта) шудан ◇ ~**ться реко́й** оби дидаро шаш қатор кардан; ~**ться соловьём** *шутл.* булбули гӯё шудан

разли́вка *ж разг.* (*по знач. гл.* **разли́ть** 2) резиш

разливн||о́й, -а́я, -о́е 1. ... и резиш; ~**о́й ковш** обгардон, кафлез 2. рехтафуруш; ~**о́е молоко́** шири рехтафурӯш; ~**о́е вино́** май рехтафурӯш

разли́вочный, -ая, -ое ...и рехтан, ...и резиш; ~ **кран** ҷумак

разлинова́ть *сов. что* ҷадвал (мистар) кашидан, хат кашидан; ~ **тетра́дь** ба варақҳои дафтар ҷадвал кашидан

разлино́вка *ж* (*по знач. гл.* **разлинова́ть**) ҷадвалкашӣ, мистаркашӣ, хаткашӣ; ~ **бума́ги** мистаркашии коғаз

разлиновывать *несов. см.* **разлиновать**

разлиновываться *несов. страд.* чадвал (мистар) кашида шудан

разлипаться *несов. см.* **разлипнуться**

разлипнуться *сов. разг.* канда (чудо) шудан; *(оид ба чизҳои елим кардашуда)*

разлитие *с книжн. см.* **разлив;** ~ **жёлчи** тарашшуҳи сафро

разлить *сов. что* 1. резондан; ~ **чернила** сиёҳиро резондан 2. рехтан, андохтан, кашидан; ~ **суп по мискам** шурборо ба косаҳо кашидан; ~ **чай гостям** ба меҳмоиҳо чой рехтан (кашида додан); ~ **сталь** пулоди гудохтаро рехтан 3. *перен.* паҳн кардан; **цветы разлили благоухание** гулҳо буи хуш паҳн карданд ◇ **водой не** ~ **(не разольёшь)** *кого* аз байнашон қил намегузарад; нофашон қуш аст

разли||ться *сов.* 1. рехтан; **вино** ~**лось** май рехт 2. рехта тақсим шудан 3. обхез шудан, туғьён кардан, дамидан; **река** ~**лась** оби дарьё хест, дарьё дамид 4. *перен.* паҳн шудан, фаро гирифтан, даромадан; **румянец** ~**лся по лицу** ба рӯй сурхӣ дамид

различать *несов. см.* **различить**

различаться *несов.* 1. фарқ (тафовут) доштан, фарқ кардан; ~ **по возрасту** дар синну сол фарқ доштан 2. *страд.* фарқ карда шудан

различение *с (по знач. гл.* **различить**) шинохтан(и), фаҳмидан(и); фарққунӣ, фарққунонӣ, тафовуткунонӣ; ~ **цвета** фарққунии рангҳо

различествовать *несов. уст. книжн. см.* **различаться** 1

различи||е *с* фарқ, тафриқа, тафовут; **между ними большое** ~**е** дар байни онҳо фарқ калон аст; ~**е во взглядах** тафовути ақидаҳо; **делать** ~**е** фарқ кардан, тафовут карда тавонистан; без ~**я** фарқ (тафовут) накарда ◇ **знаки** ~**я** *воен.* аломати тафриқа *(дар либосҳои расмӣ)*

различимый, -ая, -ое намоён; **едва** ~ ба зӯр намоён

различительный, -ая, -ое фарққунанда, тафовуткунанда; ~ **признак** аломати фарққунанда

различить *сов. что* шинохтан, фаҳмидан; фарқ кардан; ~ **в темноте** дар торикӣ шинохтан

различн||ый, -ая, -ое (различ|ен, -на, -но) 1. мухталиф; ~**ые взгляды** ақидаҳои мухталиф 2. ҳар хел, ҳар гуна, гуногун, рангоранг, ранг ба ранг; **отказываться под** ~**ыми предлогами** бо ҳар баҳона розӣ нашудан; ~**ые области знания** соҳаҳои гуногуни дониш

разложение *с* 1. *(по знач. гл.* **разложить** 5—7) чудо кардан(и); табдил додан(и); вайрон кардан(и); *(по знач. гл.* **разложиться** 2—4) чудо шудан(и); пӯсидан(и); вайрон шудан(и); ~ **числа на множители** ба зарбкунандаҳо табдил додани адад; **запах разложения** бӯи пӯсиш 2. *перен.* вайроншавӣ, харобшавӣ; таназзул

разложимость *ж физ., хим.* ба қисмҳо (чузъҳо, ҳиссаҳо) чудошавандагӣ, тақсимшавандагӣ; ~ **атома** тақсимшавандагии атом

разложить *сов.* 1. *что* гузоштан, ниҳодан, мондан, паҳн кардан; чида мондан; чо ба чо кардан; ~ **тетради на столе** дафтарҳоро ба руи стол паҳн кардан 2. *что* паҳн кардан, кушодан, густурдан; ~ **скатерть** дастархонро кушодан; ~ **ковёр** гилемро густурдан 3. *что* даргирондан, алав гирондан; ~ **костёр** гулхан кардан, алав даргиронда 4. *что* тақсим кардан; ~ **обязанности** вазифаҳоро тақсим кардан 5. *что хим.* чудо кардан, тачзия кардан 6. *мат.* табдил додан 7. *кого-что перен.* ба роҳи бад даровардан, аз роҳ баровардан, вайрон кардан

разложи||ться *сов.* 1. чо ба чо кардан; **он** ~**лся со своими бумагами на столе** вай дар руи миз ҳамаи коғазҳояшро чо ба чо кардааст // чо ба чо шудан, гузошта шудан; **все книги** ~**лись в шкафу** ҳама китобҳо дар шкаф чо ба чо шудаанд 2. *хим.* чудо шудан; **вода** ~**лась на кислород и водород** об ба оксиген ва гидроген чудо шуд 3. пусидан, вайрон шудан; **труп** ~**лся** часад пусид 4. *перен.* аз роҳ баромадан, ба роҳи бад даромадан

разлом *м* 1. *(по знач. гл.* **разломать** *и* **разломить** 1) шикастан(и) пора-порақунӣ, тикка-тиккакунӣ; *(по знач. гл.* **разломаться** *и* **разломиться**) пора-порашавӣ; ~ **льда** яхшиканӣ 2. *геол.* тарқиш; **глубинный** ~ **земной коры** тарқиши чуқури қишри Замин 3. чои шикаста

разломать *сов. что* шикастан, пора-пора (тикка-тикка) кардан; ~ **палку** чубро шикастан // вайрон (хароб) кардан; ~ **старый сарай** анбори кӯҳнаро вайрон кардан

разломаться *сов.* шикастан, пора-пора шудан // вайрон шудан, фатарот (хароб) шудан

разломи||ть *сов.* 1. *что* шикастан, пора-пора (тикка-тикка) кардан; ~**ть хлеб** нонро шикастан 2. *чаще безл. кого-что, разг.* сахт дард кардан; **всю спину** ~**ло** тамоми тахтапушт сахт дард кард

разломи||ться *сов.* шикастан, пора-пора шудан; **ветка** ~**лась** шохча шикаст

разломка *ж см.* **разлом;** ~ **бруса** шикастани чуби чортарош

разлохматить *сов. кого-что, разг.* тит (парешон) кардан, пахмоқ (чулида) кардан, фаххос занондан; ~ **бороду** ришро фаххос занондан

разлохмати||ться *сов. разг.* тит (парешон) шудан, чулида шудан, фаххос задан; **волосы** ~**лись** муй титу парешон шудааст

разлохмачивать *несов. см.* **разлохматить**

разлохмачиваться *несов.* 1. *см.* **разлохматиться;** 2. *страд.* тит (парешон) карда шудан

разлук||а *ж* 1. чудоӣ, фироқ, ҳаҷр, ҳиҷрон; **жить в** ~**е с кем-л.** дар фироқи касе зиндагӣ кардан 2. видоъ; **настал час** ~**и** вақти видоъ омад

разлучать *несов. см.* **разлучить**

разлучаться *несов.* 1. *см.* **разлучиться;** 2. *страд.* аз ҳамдигар чудо карда шудан

разлучение *с* 1. *(по знач. гл.* **разлучить**) аз ҳамдигар чудо кардан(и) 2. *уст.* фироқ

разлучить *сов. кого-что* аз ҳамдигар чудо кардан; ~ **друзей** дустонро аз ҳамдигар чудо кардан

разлучиться *сов.* аз ҳамдигар чудо шудан; ~ **с друзьями** аз дустони худ чудо шудан

разлучник *м прост. и фольк.* рақиб, ағьёр

разлучница *женск. к* **разлучник**

разлюбезный, -ая, -ое *уст. теперь ирон.* муҳтарам

разлюбить *сов. кого-что* дилхунук шудан, тарки муҳаббат кардан, дил кандан

разлюли: ~**-малина** *прост.* нуран ало нур

разлютоваться *сов. прост.* беҳад баттолӣ кардан, қаттолӣ (бераҳмӣ, сангдилӣ) кардан

размагнитить *сов.* 1. *что* бемагнит кардан; ~ **сталь** пӯлодро бемагнит кардан 2. *кого перен. разг.* беҳавсала кардан

размагнититься *сов.* 1. бемагнит шудан 2. *перен. разг.* беҳавсала шудан

размагниченн||ый, -ая, -ое 1. *прич. и прил.* бемагнитшуда; ~**ая сталь** пулоди бемагнитшуда 2. *прил. перен. разг.* беҳавсала

размагничивание *с (по знач. гл.* **размагнитить**) бемагниткунӣ

размагничивать *несов. см.* **размагнитить**

размагничиваться *несов.* 1. *см.* **размагнититься;** 2. *страд.* бемагнит карда шудан

размазать *сов.* 1. *что* молидан, олондан; ~ **краску** рангро молидан; ~ **грязь по лицу** ба руй сиёҳӣ молидан 2. *что и без доп. перен. разг.* гапро кашол додан

размаза||ться *сов.* олондан; **клей** ~**лся по столу** елим рӯи мизро олондааст

размазня *разг.* 1. *ж* шулла, шавла 2. *м, ж* мӯҳмал, ҳатул, лаванд

размазывание *с (по знач. гл.* **размазать**) молидан(и), олондан(и)

размазываться *несов.* 1. *см.* **размазаться;** 2. *страд.* молида шудан

размалевать *сов. кого-что разг.* чалмақ кашидан, чалмак (чаттӣ) ранг кардан; ~ **стены** деворҳоро чалмақ ранг кардан

размалёвка *ж. разг. см.* **размалёвывание**

размалёвывание *с (по знач. гл.* **размалевать**) чалмаққашӣ, чалмақ ранг кардан(и)

размалёвывать *несов. см.* **размалевать**

размалёвываться *несов. страд.* чалмақ кашида шудан

размалывание *с (по знач. гл.* **размолоть**) орд кардан(и), соида майда кардан(и)

размáлывать *несов. см.* **размолóть**

размáлываться *несов.* 1. *см.* **размолóться**; 2. *страд.* орд карда шудан; соида майда карда шудан

размáривать *несов. см.* **разморúть**

размáриваться *несов.* 1. *см.* **разморúться**; 2. *страд.* лоҳас шудан

размáтывать I, II *несов. см.* **размотáть** I, II

размáтываться *несов.* 1. *см.* **размотáться**; 2. *страд.* кушода шудан

размáх *м* 1. (*по знач. гл.* **размахнýть** *и* **размахнýться**) қулочкашӣ; **ударúть с ~а** кулоч кашида задан 2. дарозӣ, фосила; **~ рук** дарозии қулоч; **~ крыльев** дарозии болҳо 3. андозаи (бузургии) лаппиш 4. *перен.* ғайрат, ҷасорат; **человéк с большúм ~ом** одами серғайрат 5. вусъат, калонӣ, кушодӣ, фарохӣ, ҳаҷми кор; **ширóкий ~ рабóты** вусъати кор ◇ **жить с ~ом** каттахурӣ (калонхӯрӣ) кардан; **с ~у, со всегó ~а, со всегó ~у** 1) қулоч кашида 2) фавран, филҳол, даррав

размахáться *сов. разг.* афшондан гирифтан

размáхивать *несов. чем* алвонҷ додан, ҷунбондан; ҳаракат додан; **~ рукáми** дастҳоро пешу қафо ҳаракат додан

размáхиваться *несов. см.* **размахнýться**

размахнýть *сов. чем, что* қулоч кашидан

размахнýться *сов.* 1. қулоч кашидан, даст бардоштан; **~ и ударúть** қулоч кашида задан, кашидаву кушода задан 2. *перен. разг.* корро калон гирифтан, ба кори азиме иқдом намудан

размáчивание *с* (*по знач. гл.* **размочúть**) тар (шилтиқ) кардан(и)

размáчивать *несов. см.* **размочúть**

размáчиваться *несов.* 1. *см.* **размочúться**; 2. *страд.* тар (шилтиқ) карда шудан

размачтовáть *сов. что мор.* сутуни киштиро гирифтан (фуровардан)

размачтóвывать *несов. см.* **размачтовáть**

размáшисто *нареч. разг.* фарох-фарох, васеъ-васеъ; **писáть слúшком ~** беҳад фарох-фарох навиштан

размáшистость *ж разг.* фарохӣ; **~ пóчерка** фарохии хат

размáшист||ый, -ая, -ое (размáшист, -а, -о) *разг.* 1. калон-калон; **идтú ~ым шáгом** калон-калон қадам зада рафтан 2. (*о почерке, манере письма и т. п.*) ...н хати фарох 3. фарохдаст(она), ҳимматбаланд(она) 4. (*обширный*) васеъ, бепоён, кушод

размежевáние *с* (*по знач. гл.* **размежевáть**) ҳудудмуайянкунӣ, рошкашӣ, ҷудокунӣ, тақсимот; (*по знач. гл.* **размежевáться**) ҳудудмуайяншавӣ; **~ учáстков** тақсимоти ҳудуди қитъаҳо; **~ сил** тақсимшавии қувваҳо; **национáльное ~** тақсимоти миллӣ

размежевáть *сов. что* 1. рош кашида тақсим кардан 2. *перен.* ҳудуди (доираи) *чизеро* муайян кардан; **~ рабóту учреждéний** ҳудуди кори муассисаро муайян кардан

размежевáться *сов.* 1. рош кашида тақсим шудан; замини худро рош кашида ҷудо кардан 2. *перен.* ҳудуди фаъолияти худро муайян кардан

размежёвка *ж разг. см.* **размежевáние**

размежёвывать *несов. см.* **размежевáть**

размежёвываться *несов.* 1. *см.* **размежевáться**; 2. *страд.* рош кашида тақсим карда шудан; ҷудо карда шудан

размельчáть *несов. см.* **размельчúть**

размельчáться *несов.* 1. *см.* **размельчúться**; 2. *страд.* майда (реза) карда шудан

размельчúть *сов. что* майда (реза, пора) кардан

размельчúться *сов.* майда (реза, пора) шудан

размéн *м* (*по знач. гл.* **разменя́ть**) майдакунӣ, шикастан(и); (*по знач. гл.* **разменя́ться**) майдакунӣ; **~ дéнег** майдакунии пул; **~ фигýр** *шахм.* мӯҳрагирӣ (*дар шоҳмотбозӣ*)

размéнивать *несов. см.* **разменя́ть**

размéниваться *несов.* 1. *см.* **разменя́ться**; 2. *страд.* майда карда шудан ◇ **~ на мéлочи** ба корҳои майда-чуйда машғул шудан, бо корҳои беҳуда банд шудан; **~ на мéлкую монéту** 1) қувваю истеъдоди худро беҳуда сарф кардан 2) ба корҳои майда-чуйда машғул шудан, бо корҳои беҳуда банд шудан

размéнн||ый, -ая, -ое майда; **~ая монéта** пули майда, танга

разменя́ть *сов. что* майда кардан, шикастан; **~ дéсять рублéй** даҳсӯмаро майда кардан

разменя́ться *сов.* 1. бадал (иваз) кардан; **~ пéшками** *шахм.* пиёдаҳои ҳамдигарро гирифтан 2. *перен.* ба корҳои майда-чуйда побанд шудан

размéр *м* 1. андоза, ченак, вусъат; **~ кóмнаты** вусъати хона 2. андоза; **~ óбуви** андозаи пойафзол 3. миқдор; **~ зарплáты** миқдори моҳона 4. *перен.* ривоҷ, авҷ, равнақ; **строúтельство прúняло ширóкие ~ы** сохтмон ривоҷ ёфт 5. *лит.* вазн, баҳр; *муз.* парда

размéренно *нареч.* мунтазам, мавзун, равон; **~ тúкают часы́** соат мунтазам чиқ-чиқ мекунад

размéренность *ж* мавзунӣ, мунтазамӣ; равонӣ

размéренн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* андоза (чен) кардашуда 2. *прил.* (размéрен, -на, -но) мавзун, мунтазам; равон; **~ая похóдка** гашти мавзун; **~ая речь** нутқи равон

размéрить *сов. что* 1. андоза (чен, ӯлчак) кардан; **~ мéсто для пострóйки** майдони сохтмонро чен карда додан 2. *перен.* муайян кардан; **~ свои́ си́лы** қувваи худро муайян кардан

размéрность *ж физ.* андозадорӣ

размéрный, -ая, -ое ...и андозакунӣ, ...и ченкунӣ, ченкунанда

размеря́ть *несов. см.* **размéрить**

размеря́ться *несов. страд.* андоза (чен, ӯлчак) карда шудан

размесúть *сов. что* сириштан, омехтан, нағз мушт кардан, шӯридан; **~ тéсто** хамирро нағз мушт кардан

размесú||ться *сов. разг.* сиришта (омехта) шудан, нағз пухта шудан; **глúна ~лась** лой нағз пухта шуд

размести́ *сов. что* рӯфтан, тоза кардан; **~ дорóжку** роҳравро рӯфтан // рӯфта партофтан; **~ снег** барфро рӯфта партофтан

размести́ть *сов.* 1. *кого-что* ҷо ба ҷо кардан, ҷой гиронидан, ба ҷоҳои худ гузоштан; **~ пассажúров** пассажирҳоро ҷой гиронидан; **~ кнúги в шкафý** китобҳоро ба ҷевон ҷо ба ҷо кардан 2. *что* тақсим кардан, паҳн кардан; **~ закáзы** заказҳоро тақсим кардан

размести́ться *сов.* ҷо ба ҷо шудан, ҷо гирифтан, ҷойгир шудан; **удóбно ~ в вагóне** дар вагон соз ҷо гирифтан

разметáть I *несов. см.* **размести́**

разметá||ть II *сов.* 1. *что* ба ҳар тараф партофтан, парешон (тит) кардан; **вéтер ~л пéпел** шамол хокистарро парешон кард; **~ть сéно** хасбедаро паҳн кардан 2. вайрон (хароб) кардан; **~ть стáрый забóр** девори кӯҳнаро вайрон кардан 3. *что* калон кушодан, паҳн кардан, қулоч кашидан; **ребёнок спит ~в рýки** кӯдак дастонашро ба ҳар тараф партофта хоб мекунад 4. *кого-что перен.* пароканда кардан; **~ть ряды́ протúвника** сафҳои душманро пароканда кардан

размéтить *сов. что* нишона (аломат) гузоштан, нишон додан; **~ площáдку** ба майдончаи бозӣ нишона гузоштан

размéтка *ж* 1. (*по знач. гл.* **размéтить**) нишонагузорӣ, аломатгузорӣ, нишондиҳӣ 2. (*знак, метка*) нишон, аломат 3. *полигр.* нишонагузорӣ

размéточный, -ая, -ое ...и нишонагузорӣ; **~ инструмéнт** асбоби нишонагузорӣ

размéтчик *м* нишонагузор

размéтчица *женск. к* **размéтчик**

размётывать *несов. см.* **разметáть** II

размётываться *несов. страд.* ба ҳар тараф партофта шудан

размечáть *несов. см.* **размéтить**

размечáться *несов. страд.* нишона (аломат) гузошта шудан, нишон дода шудан

размечтáться *сов. разг.* ғарқи хаёл шудан, ба хаёл фурӯ рафтан; **~ о бýдущем** ғарқи хаёли оянда шудан

размешáть *сов. что* омехтан, аралаш кардан, хал кардан; **~ осáдок** таҳшинро (таҳнишинро) омехтан

размешáться *сов. разг.* омехта (аралаш) шудан; хал шудан

размéшивать I *несов. см.* **размесúть**

размéшивать II *несов. см.* **размешáть**

размéшиваться I *несов.* 1. *см.* **размесúться**; 2. *страд.* сиришта (омехта) шудан

размéшиваться II *несов.* 1. *см.* **размешáться**; 2. *страд.* омехта (хал) шудан

размещать *несов. см.* **разместить**

размещаться *несов.* 1. *см.* **разместиться;** 2. *страд.* ҷо ба ҷо карда шудан

размещение *с* 1. (*по знач. гл.* **разместить**) ҷобаҷокунӣ, ҷойгиронӣ, паҳнкунӣ; (*по знач. гл.* **разместиться**) ҷобаҷошавӣ, ҷойгирӣ; ~ **делегатов** ҷобаҷокунии вакилҳо; ~ **производительных сил** ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда 2. *мн.* **размещения** *мат.* пайвастагиҳо

разминать *несов. см.* **размять**

разминаться *несов.* 1. *см.* **размяться;** 2. *страд.* мулоим карда шудан

разминирование *с* (*по знач. гл.* **разминировать**) аз мина тозакунӣ

разминировать *сов., несов. что* аз мина тоза кардан; ~ **местность** маҳалро аз мина тоза кардан

размúнк||а *ж* (*по знач. гл.* **размять** 2) ёзондан(и); (*по знач. гл.* **размяться** 2) дасту пои худро ёзондан(и); гардондан(и); **сделать** ~**у** дасту пои худро ёзондан

размину́||ться *сов. разг.* 1. дар роҳ во нахурда гузаштан; **мы с ним** ~**лись** мо ба якдигар во нахӯрда гузашта рафтем 2. якдигарро надида гузаштан; **тропинка узкая,** ~**ться нельзя** пайраҳа танг аст, якдигарро надида гузашта рафтан мумкин нест

размножать *несов. см.* **размножить**

размножа́||ться *несов.* 1. *см.* **размножиться;** 2. *биол.* афзоиш; **это растение** ~**ется семенами** ин растанӣ бо воситаи тухм меафзояд 3. *страд.* зиёд карда шудан

размножéни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **размножить**) зиёдкунӣ, бисьёркунӣ; (*по знач. гл.* **размножиться**) зиёдшавӣ, афзоиш; ~**е рукописи на пишущей машинке** зиёдкунии нусхаҳои дастнавис бо воситаи мошинкаи чоп 2. *биол.* афзоиш, зиёдшавӣ; **половое** ~**е** афзоиши ҷинсӣ; **бесполое** ~**е** афзоиши ғайриҷинсӣ; **органы** ~**я** узвҳои таносул

размножить *сов.* 1. *что* зиёд (бисьёр) кардан; ~ **рукопись** дастнависро нусха бардошта бисьёр кардан 2. *кого-что разг.* афзоёндан, зиёд кардан, наслашро зиёд кардан; ~ **растения** насли растаниро зиёд кардан

размножиться *сов.* 1. (*увеличиться в количестве*) зиёд (бисьёр) шудан, афзудан 2. (*расплодиться*) афзудан, зиёд шудан, бача карда зиёд шудан, насл гузоштан

размозжить *сов. что* зада пӯла (маҷақ) кардан; ~ **голову** калларо зада пӯла кардан

размозжиться *сов.* маҷақ (пула) шудан

размóина *ж* оббурда, обканда

размокать *несов. см.* **размокнуть**

размóк||нуть *сов.* тар шуда (нам кашида) варам кардан, **хлеб размок** нон тар шуда варам кард; **земля** ~**ла** замин лой шудааст

размóл *м* 1. (*по знач. гл.* **размолоть**) ордкунӣ, ордкашӣ; соида (куфта) хока кардан(и); ~ **зерна** ордкунии ғалла 2. сифати орд; **мука мелкого** ~**а** орди маҳин; **мука крупного** ~**а** орди дурушт

размолачивать *несов. см.* **размолотить**

размолачиваться *несов.* 1. *см.* **размолотиться;** 2. *страд.* куфта майда карда шудан

размóлвка *ж* хунукӣ, дилмондагӣ; **между ними произошла** ~ дар байни онҳо хунукӣ афтид

размолотить *сов. что* куфта майда кардан, пачақ кардан

размолотиться *сов. разг.* орд (суда) хока шудан

размолóть *сов. что* орд кардан, орд кашидан; ~ **зерно** ғалларо орд кардан // соида майда кардан; куфта хока (суда) кардан; ~ **кофе** қаҳваро куфта суда кардан

размолóться *сов.* орд шудан // майда шудан, соида хока шудан, суда шудан

размонтировать *сов.* ҷудо (қисм-қисм) кардан

размораживание *с* (*по знач. гл.* **разморозить**) яхро об кардан(и)

размораживать *несов. см.* **разморозить**

размори́||ть *сов. кого разг.* лоҳас кардан; **его** ~**ло** *безл.* ӯ лоҳас шуд

размориться *сов. разг.* лоҳас шудан

разморозить *сов. что* яхро об кардан; ~ **рыбу** яхи моҳиро об кардан

размотать I *сов. что* кушодан, яла кардан, кашидан; ~ **клубок** калобаро кушодан

размотать II *сов. что прост.* исроф кардан, барбод додан; ~ **деньги** пулро исроф кардан

размота́||ться *сов.* кушода (яла) шудан; **клубок** ~**лся** калоба кушода шуд

размотка *ж* (*по знач. гл.* **размотать** I 1) кушодан(и), ялакунӣ, кашидан(и); ~ **пряжи** кушодани калоба; ~ **шёлка** кашидани пилла

размочить *сов. что* тар кардан; ~ **хлеб** нонро тар кардан

размочиться *сов.* дар об мулоим шудан

размóчка *ж тех.* тар кардан(и); ~ **овчины** даббоғии пусти гӯсфанд

размусоливать *несов. см.* **размусолить**

размусолить *сов. что прост.* 1. бо оби даҳан олондан 2. *перен.* эзмагӣ кардан

размы́в *м* 1. (*по знач. гл.* **размыть**) шуста вайрон кардан(и), шуста бурдан(и); (*по знач. гл.* **размыться**) шуста вайрон шудан(и); ~ **плотины** шуста вайрон кардани дарғот 2. (*размытое водой место*) оббурда, обканд

размывание *с* (*по знач. гл.* **размыть**) шуста бурдан(и)

размывать *несов. см.* **размыть**

размываться *несов. см.* **размыться**

размыкание *с* (*по знач. гл.* **разомкнуть**) кушодан(и), яла кардан(и), ҷудо кардан(и)

размыкать *несов. см.* **разомкнуть**

размыкаться *несов. см.* **разомкнуться**

размыслить *сов. разг. о ком-чём и без доп.* андеша (мулоҳиза) кардан

размы́||ть *сов. что* шуста вайрон кардан, шуста бурдан, рахна кардан; **дорогу** ~**ло** *безл.* роҳро об шуста бурдааст; **река** ~**ла плотину** дарьё дарғотро рахна кард

размы́||ться *сов.* оббурда шудан, шуста вайрон шудан; **берег** ~**лся** соҳилро об бурдааст

размышлéни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **размышлять** 2) ба фикру хаёл рафтан(и); мулоҳиза кардан(и); **дать время на** ~**е** барои фикру хаёл вақт додан; **по зрелом** ~**и** нағз фикру хаёл карда; **находиться в** ~**и** дар фикру хаёл будан 2. фикр, андеша, хаёл, мулоҳиза; **быть погружённым в** ~**я** дар фикру хаёл ғарк будан

размышлять *несов.* 1. *см.* **размыслить;** 2. ба фикру хаёл рафтан, мулоҳиза кардан

размягчать *несов. см.* **размягчить**

размягчаться *несов.* 1. *см.* **размягчиться;** 2. *страд.* нарм (мулоим) карда шудан

размягчéние *с* 1. (*по знач. гл* **размягчить**) нармкунӣ, мулоимкунӣ; (*по знач. гл.* **размягчиться**) нармшавӣ, мулоимшавӣ; ~ **кожи** нармкунии пуст 2. *перен.* нармшавӣ, мулоимшавӣ

размягчить *сов.* 1. *что* нарм (мулоим) кардан; ~ **воск** мумро нарм кардан 2. *кого-что перен.* нарм (мулоим) кардан; ~ **чью-л. душу** дили касеро нарм кардан

размягчи́||ться *сов.* 1. нарм (мулоим) шудан 2. *перен.* нарм (мулоим) шудан; **сердце его** ~**лось** дили у нарм шуд

размякать *несов. см.* **размякнуть**

размяк||нуть *сов.* 1. нарм (мулоим) шудан; **сухари в воде** ~**ли** нони кок дар об мулоим шуд 2. *перен. разг.* нарм (розӣ) шудан; ~**нуть от чьих-л. льстивых слов** аз хушомади касе нарм шудан, ба гапи касе даромадан

размять *сов.* 1. *что* молида (фушурда) мулоим кардан; ~ **кожу** чармро молида мулоим кардан // зер (ғиҷим) кардан, аралаш кардан; ~ **глину** лойро зер (ғиҷим) карда мулоим кардан 2. *что перен. разг.* ёзондан; ~ **ноги** пойро ёзондан ◇ ~ **лошадей** аспҳоро гардондан

размя||ться *сов.* 1. аз молиш мулоим шудан; **кожа** ~**лась** пуст аз молиш мулоим шуд; **глина** ~**лась** лой пухт 2. *перен. разг.* дасту пои худро ёзондан; **надо погулять, немного** ~**ться** сайру гашт карда андак дасту поро ёзондан даркор

разнарядка *ж* таъинот, супоришот

разнашивать *несов. см.* **разносить** 1

разнашиваться *несов.* 1. *см.* **разноситься** 1; 2. *страд.* пушида калон кардан (*оид ба пойафзол*)

разнéживать *несов. см.* **разнежить**

разнéживаться *несов.* 1. *см.* **разнежиться;** 2. *страд.* эрка карда шудан

разне́жить *сов. кого разг.* 1. эрка (нозпарвард) кардан; ~ **ребёнка** кудакро эрка кардан 2. *(растрогать)* нармдил кардан, ба риққат овардан

разне́житься *сов. разг.* 1. эркатой шудан, хеле нозпарвард шудан 2. *(растрогаться)* нармдил шудан, ба риққат омадан

разне́жничаться *сов. разг.* нозуноз кардан, аз ҳад зиёд ноз кардан

разнемо́чься *сов. прост.* сахт бетоб (касал) шудан

разне́рвничаться *сов. разг.* сахт асабонӣ шудан

разнести́ *сов.* 1. *что* бурда расондан (додан, супоридан), расондан; ~ **газе́ты по домам** газетаҳоро хона ба хона бурда расондан 2. *что* ҷо ба ҷо кардан, тақсим кардан 3. *кого-что* паҳн (парешон) кардан; **ве́тер разнёс ту́чи** шамол абрҳоро ба ҳар тараф парешон кард 4. *что перен. разг.* паҳн (овоза) кардан; ~ **инфе́кцию** касалиҳои сироятиро паҳн кардан; ~ **сплётню** гапи дурӯғро паҳн кардан 5. *кого-что разг.* тиккаву пора (пора-пора) кардан; ~ **в кло́чья** пора-пора кардан; **молния разнесла́ де́рево в ще́пки** барқ дарахтро тиккаву пора кард; // *(разгромить)* вайрон кардан, торумор (несту нобуд) кардан 6. *кого-что перен. разг.* коҳиш (ҳақорат) кардан, дашном додан; ~ **в пух и [в] прах** то беху бунаш нест кардан, решакан кардан 7. *безл. кого-что перен. разг.* фарбеҳ шудан, ғафс шудан, варам кардан; **щёку разнесло́** лунҷ варам кардааст

разнес||ти́сь *сов.* 1. паҳн шудан, овоза шудан; ~**лась молва́** миш-миш паҳн шуд 2. ғулғула андохтан, паҳн шудан; ~**ли́сь зву́ки му́зыки** садои мусиқӣ паҳн шуд 3. *разг.* суръат гирифтан, бо суръат (тез) тохтан; **ло́шадь ~ла́сь** асп бардошт

разнима́ть *несов. см.* **разня́ть**

разнима́ться *несов. страд.* ҷудо карда шудан

ра́зниться *несов.* фарқ (тафовут) доштан

ра́зниц||а *ж* 1. фарқ, тафовут; **~а в лета́х** фарқи синну сол 2. бақия; **получи́ть ~у ме́жду ста́рым и но́вым окла́дом** бақияи маоши кӯҳнаву навро гирифтан ◇ **больша́я ~а** *в знач. сказ.* тамоман дигар аст, фарқ аз замин то осмон; **кака́я ~а?** чӣ фарқ дорад?

ра́зно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «гуногун»:* **разнокали́берный** гуногункалибр

разнобо́й *м* ноиттифоқӣ, ихтилоф, зиддият; ~ **в рабо́те** ноиттифоқӣ дар кор

разнове́с *м собир.* порсанг

разнови́дность *ж* 1. *биол.* навъ; ~ **ду́ба** навъи дарахти булут 2. *(видоизменение)* хел, намуд

разнови́дный, -ая, -ое *книжн.* мутааддид

разновреме́нно *нареч.* дар вақтҳои гуногун; **рабо́та сде́лана** ~ кор дар вақтҳои гуногун иҷро карда шудааст

разновреме́нность *ж* гуногунвақтӣ, гуногунвақт будан(и)

разновреме́нн||ый, -ая, -ое гуногунвақт, дар вақтҳои гуногун рӯй додагӣ; **~ые собы́тия** воқеаҳои дар вақтҳои гуногун рӯй додагӣ

разногла́сие *с* 1. мухолифат, ихтилоф, ноиттифоқӣ; ~ **во взгля́дах** мухолифати ақидаҳо 2. зиддият, мухолифат; ~ **в показа́ниях свиде́телей** мухолифати шаҳодати шоҳидон

разноголо́сица *ж разг.* 1. ноҷӯр, суруди ноҷӯр 2. *см.* **разногла́сие** 2

разноголо́с||ый, -ая, -ое (разноголо́с, -а, -о) гуногуновоз, гуногуноҳанг; ноҷӯр; **~ое щебета́ние птиц** хониши гуногуновози паррандагон

разнозна́чный, -ая, -ое (разнозна́ч|ен, -на, -но) гуногунмаъно, гуногун

разноимённый, -ая, -ое гуногунном

разнокали́берн||ый, -ая, -ое 1. гуногункалибр, гуногунмил; **~ые снаря́ды** тирҳои гуногункалибри тӯп 2. *перен. разг.* гуногуншакл, гуногунандоза, гуногун, ҳархела; **~ая посу́да** зарфҳои гуногунандоза

разноли́кий, -ая, -ое (разноли́к, -а, -о) *книжн.* гуногунсимо

разноли́стн||ый, разноли́ст||ый, -ая, -ое *бот.* гуногунбарг; **~ое расте́ние** растании гуногунбарг

разномастн||ый, -ая, -ое 1. гуногунзот, гуногуннасл; **~ые ло́шади** аспҳои гуногунзот; **~ые ка́рты** қартаҳои гуногунзот 2. *перен.* гуногун, ҳар хел

разнообра́зи||е *с* рангорангӣ; **~е впечатле́ний** рангорангии таассурот ◇ **для ~я** барои дилхушӣ

разнообра́зить *сов. что* гуногун (ҳархела) кардан, шаклҳои гуногун додан

разнообра́зиться *несов.* 1. гуногун (ҳархела) шудан; ранг ба ранг шудан 2. *страд.* гуногун карда шудан

разнообра́зно *нареч.* гуногун, ҳархела, ранг ба ранг

разнообра́зность *ж* гуногун (ҳархела) будан(и); гуногунӣ, ҳархелӣ

разнообра́зн||ый, -ая, -ое (разнообра́з|ен, -на, -но) гуногун, ҳархела; рангоранг, гуногуншакл; **~ые карти́ны** суратҳои гуногун

разноплемённость *ж* гуногунтоифа (гуногунқабила) будан(и)

разноплемённый, -ая, -ое *книжн.* гуногунтоифа

разнопо́лый, -ая, -ое гуногунҷинс

разноречи́вость *ж* ба ҳамдигар зид (мухталиф) будан(и)

разноречи́в||ый, -ая, -ое (разноречи́в, -а, -о) ба ҳамдигар зид, зидди ҳамдигар, мухталиф, ҳархела; **~ые слу́хи** овозаҳои ҳархела

разноре́чие *с уст.* мухолифат, ихтилоф

разноре́чить *несов. уст.* муқобил (мухолиф) будан, ихтилоф доштан

разноро́дность *ж* гуногунӣ, гуногунҷинсӣ, ҳархелагӣ

разноро́дн||ый, -ая, -ое (разноро́д|ен, -на, -но) гуногун, гуногунҷинс, ҳархела; **~ые вещества́** моддаҳои ҳархела; **~ые явле́ния** ҳодисаҳои гуногун

разно́с *м* 1. *(по знач. гл.* **разнести́** 1, 2, 5, 6) бурдарасонӣ, бурда додан(и), бурдасупорӣ; ҷо ба ҷо қайд кардан(и); коҳиш кардан(и); ~ **паке́тов** бурда додани пакетҳо 2. *разг. (строгий выговор)* сарзаниш, қоҳиш, танбеҳ, маломат

разноси́ть I *сов. что* пушида калон кардан; ~ **но́вые ту́фли** туфлии навро пушида-пушида калон кардан

разноси́ть II *несов. см.* **разнести́**

разноси́||ться I 1. *сов.* аз пӯшида гаштан калон шудан; **боти́нки ~лись** ботинка аз пушида гаштан калон шудааст

разноси́ться II *несов.* 1. *см.* **разнести́сь**; 2. *страд.* расонда шудан; паҳн карда шудан

разно́ска *ж (по знач. гл.* **разнести́** 1, 2) *разг.* бурда расондан(и), бурдасупорӣ, бурдадиҳӣ; ~ **пи́сем и газе́т** бурда расондани мактуб ва газетаҳо

разносклоня́ем||ый, -ая, -ое *грам.* гуногунтасриф; **~ые существи́тельные** исмҳои гуногунтасриф

разно́сн||ый, -ая, -ое 1. ...и қайд; **~ая кни́га** дафтари қайдҳои хатбарӣ 2. *уст.* ...и дастакифурӯшӣ; **~ая торго́вля** савдои дастакифурушӣ, савдои дастакӣ 3. *разг.* обдор; **~ая статья́** мақолаи обдор

разносо́лы *мн.* (*ед.* **разносо́л** *м*) *уст.* парварда, очор, кома // *разг.* таомҳои ғалатӣ

разнососло́вный, -ая, -ое *ист.* гуногунтабақа

разноспряга́ем||ый, -ая, -ое *грам.* гуногунтасриф; **~ые глаго́лы** феълҳои гуногунтасриф

разносторо́нне *нареч.* ҳаматарафа, ҳартарафа; ~ **образо́ванный челове́к** одами дорои маълумоти ҳаматарафа

разносторо́нн||ий, -яя, -ее (разносторо́н|ен, -ня, -ие) 1. ҳаматарафа, ҳартарафа; **~яя де́ятельность** фаъолияти ҳаматарафа; **~ие спосо́бности** қобилияти ҳартарафа 2. *тк. полн. ф. мат.* гуногунпаҳлу; **~ий треуго́льник** секунҷаи гуногунпаҳлуҳо

разносторо́нность *ж* 1. ҳаматарафагӣ, ҳартарафагӣ, гуногун будан(и) 2. *мат.* гуногун, гуногунпаҳлу будан(и); ~ **треуго́льников** гуногунпаҳлу будани секунҷа

ра́зност||ь *ж* 1. *уст.* фарқият, тафовут 2. *мат.* ҳосили тарҳ ◇ **~и потенциа́лов** *физ.* тафрикаи потенциалҳо; **разные ~и** ҳар чизу ҳар кор

разно́счик *м* 1. баранда, бурдарасонанда; ~ **газе́т** газетакашон 2. *(продавец)* дастакифуруш, вофурӯш

разноти́пность *ж* ҳархелагӣ, ҳар хел будан(и)

разноти́пн||ый, -ая, -ое (разноти́п|ен, -на, -но) ҳархела; **~ые тра́кторы** тракторҳои ҳархела

разното́нность *ж* гуногуноҳангӣ, гуногуновозӣ; ноҷӯрӣ

разното́нный, -ая, -ое гуногуноҳанг, гуногуновоз; ноҷур

разнотравье *с с.-х.* алафҳои гуногун, сералафӣ

разнохарактерность *ж* гуногунӣ, ҳар хел будан(и)

разнохара́ктерн||ый, -ая, -ое (разноха́рактер|ен, -на, -но) ҳар хел, гуногун; **~ые ро́ли** ролҳои гуногун

разноцве́тн||ый, -ая, -ое рангоранг, гуногунранг, ҳарранга, ранга; **~ые ткани** матоъҳои ранга (ҳарранга)

разночи́нец *м ист.* разночин (*интеллигенти аз табақаи ғайридворянҳо баромада дар Россияи асри 18—19*)

разночи́нный, -ая, -ое *ист.* ...и разночин

разночте́ние *с лит.* нусхабадал, фарқи нусхаҳо

разноше́рстн||ый, -ая, -ое (разноше́рст|ен, -на, -но) 1. гуногунранг, ранг ба ранг (*оид ба ҳайвонот*); **~ые о́вцы** гусфандҳои гуногунранг 2. *перен. разг.* ҳар хел, гуногун, ҳархела; **~ое населе́ние** сокинони гуногун

разноязы́кий, -ая, -ое *уст. см.* **разноязы́чный**

разноязы́чие *с* гуногунзабонӣ, гуногунлафзӣ

разноязы́чн||ый, -ая, -ое гуногунзабон, гуногунлафз, мухталифзабон; **~ая толпа́** издиҳоми мухталифзабон

разну́зданность *ж* бенухтагӣ, беқайдӣ, бадахлоқӣ, фосиқӣ

разну́зданн||ый, -ая, -ое (разнуздан, -на, -но) 1. белаҷом, бенухта; **~ый конь** аспи белаҷом 2. *перен.* бенухта, беқайд; қабеҳ, фосиқ; **~ое поведе́ние** рафтори беқайдона

разнузда́ть *сов. кого-что* 1. лаҷомро гирифтан; **~ коня́** аз сари асп лаҷомро гирифтан 2. *перен. разг.* бенухта кардан, бадахлоқ (фосиқ) кардан

разнузда́ться *сов.* 1. оҳани лаҷомро (сулуқро) аз даҳон баровардан, лаҷомро аз сар партофтан 2. *перен. разг.* бенухта (беқайд) шудан

разну́здывать *несов. см.* **разнузда́ть**

разну́здываться *несов.* 1. *см.* **разнузда́ться**; 2. *страд.* белаҷом карда шудан

разн||ый, -ая, -ое 1. гуногун, ҳар хел, мухталиф; **я́блоки ~ых сорто́в** себҳои гуногунхел 2. мухталиф, дигар; **разойти́сь в ~ые сто́роны** ба тарафҳои мухталиф равона шудан 3. гуногун, ҳар хел; рангоранг; **буке́т ~ых цвето́в** гулдастаи гулҳои гуногун; **~ые исто́рии** воқеаҳои гуногун // *в знач. сущ.* **ра́зное** 1) масъалаҳои гуногун 2) масъалаҳои ҷорӣ ◇ **~ые ра́зности** ҳар чизу ҳар кор; **говори́ть на ~ых языка́х** якдигарро нафаҳмидан

разню́хать *сов. разг.* 1. *что* бӯй карда (кашида) фаҳмидан 2. *что и без доп. перен.* фаҳмидан, донистан, дониста гирифтан

разню́хивать *несов. см.* **разню́хать**

разня́ть *сов.* 1. *что* ҷудо кардан, аз ҳам ҷудо кардан, кушодан; **~ ру́ки** дастҳоро кушодан 2. *кого разг.* халос кардан, аз ҳамдигар ҷудо кардан 3. *что спец.* ба қисмҳо (ба ҷузъҳо) ҷудо кардан; **~ стано́к для ремо́нта** барои таъмир дастгоҳро ба қисмҳо ҷудо кардан

разня́ться *сов. разг.* ҷудо шудан, кушода шудан

разо= *приставка префиксест, ки ба ҷои «раз=» дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:* 1) *пеш аз ҳарфи «й»* — **разойти́сь** ба ҳар су рафтан 2) *пеш аз ду ё зиёда ҳарфҳои ҳамсадо* — **разобра́ться** фаҳмидан, сарфаҳм шудан; **разоблачи́ть** фош (ошкор) кардан 3) *пеш аз ҳарфи ҳамсадо, агар баъд аз вай аломати ҷудоӣ «ь» ояд* — **разобью́, разолью́**

разоби́деть *сов. кого разг.* сахт хафа кардан, хеле ранҷондан

разоби́деться *сов. разг.* сахт хафа шудан, хеле ранҷидан

разобижа́ть *несов. см.* **разоби́деть**

разоблача́ть *несов. см.* **разоблачи́ть**

разоблача́ться *несов.* 1. *см.* **разоблачи́ться**; 2. *страд.* фош (ошкор) карда шудан

разоблаче́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **разоблачи́ть**) фошкунӣ, ошкоркунӣ, пардабардорӣ бениқобкунӣ; (*по знач. гл.* **разоблачи́ться**) фошшавӣ, ошкоршавӣ; **~ та́йны** фошшавии сир 2. фошкунанда, ошкоркунанда

разоблачи́тель *м книжн.* фошкунанда, ошкоркунанда, бениқобкунанда

разоблачи́тельн||ый, -ая, -ое *книжн.* ...и фошкунӣ, фошкунанда, ошкоркунанда, ошкор мекардагӣ; **~ая статья́** мақолаи фошкунанда

разоблачи́ть *сов.* 1. *кого церк.* либоси ибодатро кашондан // *разг. шутл.* либос кашондан 2. *кого-что перен.* фош (ошкор) кардан, парда бардоштан, бениқоб кардан; **~ преда́теля** хоинро фош кардан

разоблачи́||ться *сов.* 1. *церк.* либоси ибодатро кашидан // *разг. шутл.* либоси худро кашидан 2. *перен.* фош (ошкор) шудан

разобра́ть *сов.* 1. *что* ҷудо карда гирифтан; гирифта адо кардан; харида тамом кардан; **~ весь това́р** ҳамаи молро тез харида тамом кардан 2. *что* тақсим кардан, ба тартиб даровардан, ба навъҳо (хелҳо) ҷудо кардан; **~ бума́ги** коғазҳоро ба хелҳо ҷудо кардан 3. *что* ҷудо кардан, ба қисмҳо ҷудо кардан; **~ механи́зм** механизмро ба қисмҳо ҷудо кардан; **~ сте́ну** сангу хиштҳои деворро канда гирифтан // *полигр.* ҳарфҳои чидашударо пароканда кардан 4. *что* ҳал кардан, муҳокима кардан, дида баромадан; ҳусну қубҳи *чизеро* муайян кардан; **~ вопро́с** масъаларо ҳал кардан; **~ но́вый рома́н писа́теля** романи нави нависандаро муҳокима кардан 5. *что грам.* таҳлил кардан; **~ предложе́ние по частя́м ре́чи** ҷумларо аз ҷиҳати ҳиссаҳои нутқ таҳлил кардан 6. *что* фарқ кардан, фаҳмидан; **~ по́черк** хатро хонда тавонистан; **не могу́ ~, что лу́чше** фаҳмида наметавонам, ки кадомаш дуруст аст 7. *кого разг.* фаро гирифтан, зер кардан (*о чувстве, желании и т. п.*); **меня разобра́ли сомне́ния** ман ба шубҳа афтодам 8. *кого прост.* маст кардан; **вино́ его́ разобра́ло** май уро маст кард ◇ **~ по ко́сточкам кого́-л.** касеро хуб ғайбат кардан

разобра́ться *сов.* 1. *разг.* ба тартиб даровардан, ба анҷом расондан, ҷо ба ҷо кардан; **~ в бумагах** коғазҳоро ба тартиб даровардан 2. фаҳмидан, дониста гирифтан, сарфаҳм рафтан; **~ в како́м-л. вопро́се** аз моҳияти масъалае воқиф шудан 3. *разг.* (*в строю*) ҷойгир шудан, дар ҷои худ истодан, ҷои худро ёфта истодан

разобща́ть *несов. см.* **разобщи́ть**

разобща́ться *несов.* 1. *см.* **разобщи́ться**; 2. *страд.* аз якдигар ҷудо карда шудан; кушода шудан

разобще́ние *с* (*по знач. гл.* **разобщи́ть**) ҷудокунӣ, аз якдигар ҷудокунӣ; (*по знач. гл.* **разобщи́ться**) аз якдигар ҷудошавӣ

разобщённость *ж* ҷудоӣ, аз якдигар ҷудошавӣ, парокандагӣ; **ве́домственная ~** парокандагии маъмурӣ

разобщи́ть *сов.* 1. *кого-что* аз якдигар (аз ҳамдигар) ҷудо (пароканда) кардан, аз якдигар дур кардан, алоқаро кандан, қатъ кардан 2. *что тех.* бандро кушодан (буридан), занҷирро ҷудо кардан; **~ провода́** симҳоро ҷудо кардан

разобщи́ться *сов.* 1. аз якдигар (аз ҳамдигар) ҷудо шудан 2. ҷудо шудан, бурида шудан; канда шудан

ра́зовый, -ая, -ое барои як бор, якдафъагӣ, якмаротибагӣ; якбора; **~ биле́т** билети якмаротибагӣ; **~ сбор** ҷамъомади якбора

разогна́ть *сов.* 1. *кого-что* пароканда (парешон) кардан, ба ҳар тараф пеш (ҳай) кардан; **~ толпу́** издиҳомро пароканда кардан 2. *что* барҳам додан, бартараф кардан, пушидан, бастан 3. *что* пош додан, паҳн (парешон, пароканда) кардан; **ве́тер разогна́л ту́чи** шамол абрҳоро пароканда кард // *перен.* бартараф (нест) кардан, барҳам додан; **~ сомне́ния** шакку шубҳаро бартараф кардан 4. *что и без доп.* суръат додан, сахт тозондан (давондан); **~ автомоби́ль** автомобилро сахт давондан 5. *что* васеътар мондан, дарозтар кардан, ёзонидан; **~ поля тетра́ди** ҳошияи дафтарро васеътар мондан ◇ **~ кровь** хунро ба ҳаракат даровардан, ҳаракати хунро тезондан

разогна́ться *сов.* суръат гирифтан, сахт тохтан (давидан) рондан; **~ на автомоби́ле** автомобилро сахт рондан

разогну́ть *сов. кого-что* рост (тӯғрӣ) кардан; **~ подко́ву** наълро рост кардан; **~ спи́ну** қад рост кардан

разогну́ться *сов.* рост (тӯғрӣ) шудан; қад рост кардан

разогре́в *м* (*по знач. гл.* **разогре́ть**) *тех.* гармкунӣ, тафсониш

разогрева́ние *с* (*по знач. гл.* **разогре́ть**) гармкунӣ, тафсониш

разогрева́ть *несов. см.* **разогре́ть**

разогрева́ться несов. 1. см. разогре́ться; 2. страд гарм карда шудан

разогреть сов. что гарм кардан, тафсондан; ~ обе́д хурокро гарм кардан

разогре́||ться сов. гарм шудан, тафсидан; мото́р ~лся мотор тафсидааст

разоде́тый, -ая, -ое разг. прич., прил. (разодет, -а, -о) ороста

разоде́ть сов. кого разг. бо либоси нағз оростан

разоде́ться сов. разг. худро бо либоси нағз оростан ◇ ~ в пух и прах либоси карруфарона пўшидан

разо́дранн||ый, -ая, -ое разг. 1. прич. даррондашуда, кандашуда 2. прил. дарида, пора-пора, тикка-тикка; ~ое пла́тье куртаи дарида

разодра́ть сов. что разг. даррондан, кандан, пора-пора (тикка-тикка) кардан; ~ в кло́чья тикка-тикка кардан; ~ сапоги́ мўзаро даррондан

разодра́||ться сов. разг. даридан, пора-пора (тикка-тикка) шудан; пла́тье ~ло́сь курта даридааст

разозли́ть сов. кого бадқаҳр (хашмгин, оташин, дарғазаб, ғазабнок) кардан

разозли́ться сов. бадқаҳр (хашмгин, оташин, дарғазаб, ғазабнок) шудан

разо||йти́сь сов. 1. пароканда шуда рафтан, ба ҳар тараф (ба ҳар сў) рафтан; го́сти ~шли́сь меҳмонҳо рафтанд; ~йти́сь по дома́м хона ба хона рафтан; ~йди́сь! разг. гурезед!, пароканда шавед!; ту́чи ~шли́сь абрҳо пароканда шуданд 2. об шудан, ҳал шудан; са́хар ~шёлся в стака́не қанд дар стакан об шуд 3. кушода шудан, ҳамвор шудан; морщи́ны на лбу ~шли́сь чинҳои пешона ҳамвор шуданд 4. дучор наомадан, вонахурда гузаштан, якдигарро надида гузаштан; мы с ним случа́йно ~шли́сь ману вай тасодуфан якдигарро надида гузаштем 5. алоқаро кандан, ҷудо шудан, аз якдигар ҷудо шудан, талоқ кардан (додан); друзья́ ~шли́сь из-за несхо́дства хара́ктеров аз номувофиқати феълу атвор дўстон аз ҳамдигар дилмонда шуданд 6. душоха шудан, ба шохаҳо ҷудо шудан; доро́ги ~шли́сь роҳ ба ду ҷудо шуд // перен. мувофиқат накардан, тафовут доштан; мне́ния ~шли́сь фикрҳо (мулоҳизаҳо) мувофиқат накарданд 7. ба ду тараф ҷудо шудан, аз ҳамдигар ҷудо шудан; по́лы пла́тья ~шли́сь бари доманаи курта кушода шуд; швы ~шли́сь чокҳо канда шудаанд 8. фурўхта шудан; кни́ги бы́стро ~шли́сь китобҳо зуд фурўхта шуд 9. сарф (харҷ, исроф) шудан; де́ньги ~шли́сь пул сарф шуд 10. паҳн (овоза) шудан; по го́роду ~шли́сь слу́хи овоза ба шаҳр паҳн шуд 11. суръат ёфтан (гирифтан); маши́на ~шлась мошин суръат гирифт // авҷ гирифтан, тез шудан, шиддат ёфтан; дождь ~шёлся борон авҷ гирифт; ве́тер ~шёлся шамол шиддат ёфт 12. перен. тафсида рафтан, аз ҳад зиёд саргарм шудан; он ~шёлся и наговорил ли́шнего манаҳаш тафсида гапи зиёдӣ зад // (развеселиться) хушнуд (хурсанд) шудан

разо́к м разг. ласк. к раз I, 1 як боракак, як дафъа, як мартаба

ра́зом нареч. разг. 1. (одновременно) якбора, баробар; все заговори́ли ~ ҳама якбора ба гап даромаданд 2. (в один приём) як бор, якбора, баробар; ~ поко́нчить с че́м-л. ягон кореро (чизеро) якбора тамом кардан 3. (сразу) якбора, дарҳол; ~ прийти́ в себя́ дарҳол ба худ омадан

разомкну́т||ый, -ая, -ое 1. прич. кушодашуда, яла кардашуда, гусехта 2. прил. воен. кушод, гусехта; ~ым стро́ем бо сафи кушод

разомкну́ть сов. что 1. кушодан, яла (ҷудо) кардан, гусехтан, кандан; ~ цепь занҷирро кандан 2. воен. кушод кардан; ~ шере́нгу сафро кушод кардан 3. кушодан, яла кардан; ~ уста́ даҳанро яла кардан

разомкну́||ться сов. 1. кушода (яла, ҷудо, канда) шудан; цепь ~лась занҷир канда шудааст 2. воен. кушод шудан, тунук (сирак) шудан

разомле́ть сов. разг. ланҷ (суст, беҳол, бедармон, лакот) шудан; ~ от жары́ аз гармӣ лакот шудан

разонра́виться сов. разг. аз писанд мондан, дигар писанд набудан, маъқул нашуда мондан

разопрева́ть несов. см. разопре́ть

разопре́||ть сов. 1. кухнадам шудан, об шуда рафтан; ка́ша ~ла шула кўҳнадам шудааст 2. прост. сахт арақ кардан

разо́р м разг. 1. харобӣ, вайронӣ; ҳарҷу марҷ, бетартибӣ 2. қашшоқшавӣ, бенавошавӣ

разора́ться сов. прост. 1. ба аррос даромадан, дод задан 2. на кого дашном додан, ҳақоратборон кардан

разо́рванн||ый, -ая, -ое 1. прич. даррондашуда, пора-пора кардашуда 2. прил. дарида, пора-пора, тикка-тикка; ~ые рукава́ остинҳои дарида

разорва́||ть сов. 1. что даррондан, пора-пора (тикка-тикка, ҷиғда-ҷиғда) кардан; ~ть письмо́ мактубро пора-пора кардан; ~ть костю́м либосро даррондан // кого кафондан, даррондан, чок-чок кардан; волк ~л овцу́ гург гусфандро дарронд 2. что перен. нохост кандан, вайрон кардан, фуру бурдан; ре́зкий звук ~л тишину́ садои сахт нохост хомўширо вайрон кард 3. кого-что пора-пора кардан; ~ть снаря́дом бо тири тўп пора-пора кардан; котёл ~ло дег кафид 4. что перен. кандан, буридан, қатъ кардан; ~ть до́говор шартномаро қатъ кардан; ~ть отноше́ния алоқаро кандан ◇ ~ть на ча́сти кого ба ҳар тараф кашола кардан, ором нагузоштан; чтоб тебя́ ~ло! бран. э, торс каф!, э, мур!

разорва́||ться сов. 1. даридан, пора-пора (ҷиғда-ҷиғда) шудан; ю́бка ~ла́сь юбка даридааст 2. таркидан, кафидан; бо́мба ~лась бомба кафид 3. перен. қатъ (канда, бурида) шудан; связь ме́жду ни́ми ~лась алокаи байни онҳо канда шудааст ◇ хоть разорви́сь! чӣ ки набошад!, мурӣ ҳам!; мне ~ться что ли! чӣ кор кунам, мурам-мӣ!

разоре́ние с (по знач. гл. разори́ть) вайронкунӣ, харобкунӣ; хонавайронкунӣ, муфлискунӣ; (по знач. гл. разори́ться) бенавошавӣ, муфлисшавӣ; ~ и нищета́ харобӣ ва қашшоқӣ

разори́тель м вайронкунанда, харобкунанда, харобкор; муфлискунанда

разори́тельница женск. к разори́тель

разори́тельн||ый, -ая, -ое (разори́те|-лен, -льна, -льно) вайронкунанда, харобкунанда, харобиовар; ~ые во́йны ҷангҳои харобиовар

разори́ть сов. 1. что вайрон (хароб) кардан; ~ пти́чье гнездо́ лонаи паррандаро вайрон кардан 2. кого-что бенаво (қашшоқ, муфлис) хонавайрон кардан

разори́ться сов. 1. бенаво (қашшоқ, муфлис) шудан 2. разг. харҷ (сарф) кардан; ~ на поку́пку книг барои харидани китоб пул сарф кардан

разоружа́ть несов. см. разоружи́ть

разоружа́ться несов. 1. см. разоружи́ться; 2. страд. беяроқ (бесилоҳ) карда шудан

разоруже́ние с (по знач. гл. разоружи́ть) беяроқкунӣ, бесилоҳкунӣ; (по знач. гл. разоружи́ться) беяроқшавӣ, бесилоҳшавӣ, яроқпартоӣ; ~ проти́вника беяроқкунии душман; всео́бщее и по́лное ~ яроқпартоии пурра ва умумӣ

разоружи́ть сов. 1. кого-что беярок (бесилоҳ) кардан; беяроқ (бесилоҳ) гузоштан; беҷиҳоз кардан; ~ отря́д отрядро беярок кардан; ~ кре́пость қалъаро бесилоҳ гузоштан; беҷиҳоз кардан; ~ су́дно киштиро беҷиҳоз кардан 2. кого-что перен. аз эътиқод гардондан

разоружи́ться сов. 1. беяроқ (бесилоҳ) шудан, яроқ (силоҳ) партофтан; истеҳкомро беяроқ монондан 2. яроқро кам кардан, силоҳро несту нобуд кардан 3. перен. аз эътиқод гаштан

разоря́ть несов. см. разори́ть

разоря́ться несов. 1. см. разори́ться; 2. страд. вайрон (хароб) карда шудан 3. перен. прост. (браниться) бисьёр дашном (ҳақорат) кардан, ҳақоратборон кардан

разосла́ть сов. кого-что ба ҳар сў (ба ҳар тараф) фиристодан, роҳӣ (равона) кардан; ~ пи́сьма мактубҳоро ба ҳар су фиристодан; ~ всех курье́ров ҳамаи чопарҳоро ба ҳар тараф фиристодан

разоспа́ться сов. разг. ба хоб ғарқ шудан, дуру дароз хоб кардан, ғарқи хоб шудан

разостла́ть сов. что кушодан, густурдан, паҳн (фарш) кардан; ~ ска́терть на столе́ дастархонро дар болои стол паҳн кардан

разостла́||ться *сов.* фаро гирифтан; **тума́н ~лся по земле́** туман руи заминро фаро гирифт

разотка́ть *сов. что* гулдузӣ карда оростан; ~ **узо́рами** гулдузӣ карда оро додан

разоткрове́нничаться *сов. разг.* аз ҳад зиёд самимӣ (кушодадил, софдил, ростгӯй) будан

разо́хаться *сов. разг.* бисьёр оҳу воҳ кашидан, бисьёр нолидан

разохо́тить *сов. кого разг.* майл (рағбат, хоҳиш) пайдо кунондан, ҳаваснок (шавқманд) кардан, ба ҳавас овардан

разохо́титься *сов. разг.* ҳавас кардан, майл (рағбат) пайдо кардан

разочарова́ние *с* ноумедӣ, яъс, маъюсӣ, дилмонӣ, дилхунукӣ; **глубо́кое** ~ ғояти ноумедӣ

разочаро́ванно *нареч.* ноумедона, маъюсона, дилхунукона

разочаро́ванность *ж* ноумедӣ, яъс, маъюсӣ, дилхунукӣ

разочаро́ванный, -ая, -ое 1. *прич.* ноумед (маъюс, дилхунук) кардашуда 2. *прил.* ноумед(она), маъюс(она); ~ **челове́к** одами маъюс

разочарова́||ть *сов. кого-что* ноумед (маъюс, дилхунук) кардан; **меня́ ~ла игра́ э́того актёра** аз бозии ин артист дилам монд

разочарова́ться *сов. в ком-чём и без доп.* ноумед (маъюс, дилхунук) шудан

разочаро́вывать(ся) *несов. см.* **разочарова́ть(ся)**

разраба́тывание *с см.* **разрабо́тка** 1

разраба́тывать *несов.* 1. *см.* **разрабо́тать;** 2. *что горн.* истихроҷ кардан

разраба́тываться *несов. страд.* тайёр карда шудан, кор карда шудан

разрабо́танность *ж* тайёршавӣ, пухтагӣ; ~ **прое́кта** пухтагии лоиҳа

разрабо́танн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* кор кардашуда 2. *прил.* корхурда, тайёршуда, корамшуда; **~ая земля́** замини корам 3. *прил.* мукаммал, пухта; **~ый прое́кт** лоиҳаи мукаммал 4. *прил. горн.* бемаъдан; **~ый рудни́к** кони бемаъдан

разрабо́тать *сов. что* 1. тайёр кардан; ~ **гря́дки под поса́дку** ҷуякҳоро барои кӯчатшинонӣ тайёр кардан 2. инкишоф додан, тараққӣ кунондан; кор карда баромадан; мукаммал кардан, такмил додан; ~ **план** планро кор карда баромадан 3. *горн.* пурра истифода кардан, канда (гирифта) тамом кардан, ба охир расондан; ~ **рудни́к** конро канда маъданашро тамом кардан

разрабо́тка *ж* 1. (*по знач. гл.* **разрабо́тать**) тайёр кардан(и); кор карда баромадан(и); ~ **земли́** тайёр кардани замин; ~ **пла́на** кор карда баромадани план 2. *горн.* истихроҷ; ~ **у́гля** истихроҷи ангиштсанг; **откры́тая** ~ **у́гля** истихроҷи коии кушоди ангиштсанг // *чаще мн.* **разрабо́тки** кон, маъдан; **торфяны́е разрабо́тки** кони торф

разра́внивать *несов. см.* **разровня́ть**

разра́вниваться *несов. страд.* ҳамвор (тахт, баробар, текис) карда шудан

разража́ться *несов. см.* **разрази́ться**

разраз||и́ть *сов. кого-что уст. и прост.* хароб (вайрон) кардан, пора кардан; **~и́ меня́ гром!** бало занадам, ки...; хок ба сарам, ки...

разрази́||ться *сов.* 1. бо шиддат руй додан, бо қуввати тамом сар задан, якбора сар шуда рафтан; **~лась гроза́** якбора раъду барк сар шуд; **~лась война́** ҷанг якбора сар шуда рафт 2. *чем перен.* якбора ба... даромадан; **~ться бра́нью** якбора ба ҳақоратборон даромадан; **~ться рыда́ниями** гирьяву фиғон бардоштан; **~ться хо́хотом** якбора ба қаҳқаҳа даромадан

разраста́ние *с* (*по знач. гл.* **разрасти́сь**) нумукунӣ, нашъунамо, калоншавӣ, ба воя расидан(и), афзоиш; ~ **о́пухоли** калоншавии варам

разраста́ться *несов. от* **разрасти́сь**

разрасти́сь *сов.* нуму кардан, нашъунамо ёфтан, афзудан, калон (зиёд) шудан; **го́род разро́сся** шаҳр калон шудааст; **семья́ разросла́сь** аҳли оила афзудааст // *перен.* авҷ гирифтан

разрасти́ть *сов. что книжн.* ба воя расоидан, калон кардан, сабзондан, паҳн кардан, зиёд кардан; вусъат додан

разраще́ние *с книжн.* такбир; ~ **ко́сти** такбири устухон

разреве́ться *сов. разг.* 1. ба фарьёд даромадан, наъра кашидан, фиғон бардоштан 2. ба гирья сар кардан, ба гирья даромадан, сахт гирья кардан

разреди́ть *сов. что* 1. сирак (холибех, ягона) кардан; ~ **поса́дки дере́вьев** ниҳолзорро сирак кардан 2. тунук кардан; ~ **во́здух** ҳаворо тунук кардан

разреди́||ться *сов.* 1. сирак (холибех, ягона) шудан 2. тунук шудан; **во́здух ~лся** ҳаво тунук шудааст

разрежа́ть *несов. см.* **разреди́ть**

разрежа́ться *несов.* 1. *см.* **разреди́ться;** 2. *страд.* тунук карда шудан

разреже́ние *с* (*по знач. гл.* **разреди́ть**) сираккунӣ, ягонакунӣ, холибехкунӣ; (*по знач. гл.* **разреди́ться**) тунукшавӣ, холибехшавӣ, ягонашавӣ; ~ **посе́вов** тунуккунии беххои кишт; ~ **во́здуха** тунукшавии ҳаво

разрежённость *с* 1. сиракӣ; ~ **посе́вов** сиракии беххои кишт 2. тунукӣ; ~ **во́здуха** тунукии ҳаво

разрежённ||ый, разре́женн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* сирак кардашуда 2. *прил.* холибех, ягона, сирак; **~ые поса́дки** ниҳолҳои сирак 3. *прил.* тунук; **~ый во́здух** ҳавои тунук

разре́з *м* 1. (*по знач. гл.* **разре́зать**) буридан(и), чок кардан(и); бурриш; ~ **шку́рок** бурриши пуст 2. ҷои буридашуда, чок; ҷои чок; ~ **на руке́ от уда́ра ножо́м** ҷои чоки даст аз зарби корд; ~ **пла́тья** чоки курта 3. чок, бурриш; **попере́чный** ~ бурриши кӯндаланг 4. *горн.* бурриши кӯҳ ◇ ~ **глаз** шакли чашм; **в** ~ **с кем-чем** бар хилофи..., қатъи назар аз ...; **в ~е** *чего, каком* аз нуқтаи назари ...

разреза́льный, -ая, -ое *спец.* бурранда; ~ **нож** корди бурранда

разреза́ние *с см.* **разре́з**

разре́зать *сов. что* 1. буридан, ҷудо кардан; ~ **ткань** матоъро бурндан; ~ **я́блоко** себро бурида тақсим кардан; **ло́дка разре́зала тёмную гладь реки́** *перен.* заврақ оби тираи дарьёро бурида рафт 2. кафондан, чок кардан: ~ **нары́в** варамро чок кардан / буридан, бурида ярадор кардан; ~ **себе́ ру́ку** дасти худро буридан 3. ба қитъаҳо ҷудо кардан; тақсим кардан; ~ **зе́млю** заминро ба қитъаҳо тақсим кардан 4. *воен.* рахна карда гузаштан

разреза́ть *несов. см.* **разре́зать**

разре́заться *сов.* бурида шудан, чок-чок шудан, тақсим шудан

разреза́ться *несов.* 1. *см.* **разре́заться;** 2. *страд.* бурида (чок) карда шудан; тақсим карда шудан

разре́зка *ж разг. см.* **разре́з** 1

разрезн||о́й, -а́я, -о́е 1. бурранда, мебуридагӣ, ...и бурриш; **~о́й нож** корди коғазбурӣ 2. чокдор; **~а́я ю́бка** юбкаи чокдор

разре́зывани||е *с см.* **разре́з** 1; **нож для ~я книг** корди коғазбурӣ

разре́зывать(ся) *несов. см.* **разре́за́ть(ся)**

разрекламиро́ванн||ый, -ая, -ое *разг.* 1. *прич.* аз ҳад зиёд овоза (ҳангома) кардашуда 2. *прил.* ҳангомашуда, овозаёфта; **~ая пье́са** пьесаи аз ҳад зиёд ҳангомашуда

разреклами́ровать *сов. кого-что* аз ҳад зиёд овоза (ҳангома) кардан

разреша́ть *несов. см.* **разреши́ть**

разреша́||ться *несов.* 1. *см.* **разреши́ться;** 2. *страд.* иҷозат (рухсат) дода шудан; ҳал карда шудан 3. *безл.* ҷоиз (раво) будан, мумкин будан; **кури́ть не ~ется** папирос кашидан мамнуъ (манъ) аст

разреше́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **разреши́ть**) рухсат додан(н), иҷозат додан(и); ҳал, ҳалкунӣ, яктарафакунӣ; бартарафкунӣ; **~е вопро́са** ҳалли масъала; **~е противоре́чий** бартарафкунии мухолифат 2. *уст.* (*по знач. гл.* **разреши́ться** 3) зоидан(и) 3. иҷозат, рухсат; **попроси́ть ~я** рухсат пурсидан, рухсат хостан // *разг.* (*документ*) иҷозатнома, рухсатнома ◇ **с ва́шего ~я** агар бемалол бошад, агар малол наояд, агар иҷозат шавад

разреши́мый, -ая, -ое (разреши́м, -а, -о) ҳалшаванда, ҳалпазир, ҳалшуданӣ; ~ **вопро́с** масъалаи ҳалшуданӣ

разреши́тельный, -ая, -ое *спец.* ...и рухсат, ...и иҷозат; ~ **докуме́нт** рухсатнома

разреши́||ть *сов.* 1. *что и с неопр.* рухсат (иҷозат) додан; **ему́ ~ли уе́хать** барои рафтан ба вай иҷозат доданд; **~ть постано́вку пье́сы** барои ба саҳна гузоштани пьеса рухсат додан 2. *что* ҳал кардан, яктарафа кардан; бартараф кардан, дур кар-

дан; ~ть вопрос масъаларо ҳал кардан; ~ть спор ҷанҷолро (мунокишаро) ҳал кардан; ~ть сомнения шакку шубҳаро бартараф кардан; ~ть противоречия мухолифатро бартараф кардан 3. *кого-что уст. книжн.* ботил кардан; ~ть от грехов гунохро ботил кардан ◇ **разреши** (~те) *повел.* иҷозат (рухсат) диҳед; ~те **закурить** рухсат диҳед папирос кашам; ~те **отлучиться** рухсат диҳед равам

разреши||ться *сов.* 1. ҳал шудан; **вопрос** ~лся масъала ҳал шуд 2. *чем* анҷом ёфтан, анҷомидан, ба охир расидан; **дело** ~лось **миром** кор бо оштӣ анҷом ёфт 3. *кем и без доп.* зоидан; ~ться **двойней** экизак зоидан; ~ться **от бремени** зоидан; чашм равшан шудан

разрисовать *сов. кого-что* 1. аз нақшу нигор пур кардан, расм кашидан; ~ **обложку тетради** муқоваи дафтарро аз нақшу нигор пур кардан 2. *перен. разг.* сурат кашидан, расм кашидан *(одатан бо мақсади ҳаҷв)*

разрисовка *ж* (*по знач. гл.* **разрисовать**) нақшу нигор кардан(и); ~ **потолка** нақшу нигор кардани шифт

разрисовывание *с см.* **разрисовка**

разрисовывать *несов. см.* **разрисовать**

разрисовываться *несов. страд.* нақшу нигор карда шудан, расм кашида шудан

разровнять *сов. что* ҳамвор (тахт) кардан, баробар (текис) кардан; ~ **поле** заминро ҳамвор кардан

разродиться *сов.* 1. *разг.* зоидан, чашм равшан шудан 2. *прост.* афзудан, бисьёр (зиёд) шуда рафтан

разрозненно *нареч.* ноҷур, ноаҳлона, номуттафиқона; пароканда; ~ **действовать** ноаҳлона ҳаракат кардан

разрозненность *ж* нопуррагӣ, ҷудо-ҷудо будан(и)

разрозненн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷудо-ҷудо (тока-тока) кардашуда 2. *прил.* ҷудо-ҷудо, нопурра, ҷудогона, алоҳида; ~ое **собрание сочинений** ҷилдҳои ҷудогонаи маҷмуаи асарҳо 3. *прил.* аз ҳам ҷудо, ноаҳл(она), номуттафик(она), номуташаккил(она); ~ые **отряды** отрядҳои номуташаккил

разрознивать *несов. см.* **разрознить**

разрозниваться *несов.* 1. *см.* **разрозниться**; 2. *страд.* вайрон карда шудан, ҷудо (тока) карда шудан, пароканда карда шудан

разрознить *сов.* 1. *что* кам (нокис, халалдор) кардан *(ягон чизи томро)*; ~ **полное собрание сочинений** куллиётро нокис кардан 2. *кого-что* ҷудо (тока) кардан, аз ҳамдигар ҷудо кардан; пароканда кардан

разрозниться *сов.* 1. кам (нокис, халалдор) шудан 2. ҷудо (аз ҳам ҷудо, пароканда) шудан

разронять *сов. что разг.* якто-якто афтондан; ~ **все мелкие деньги** хамаи пулҳои майдаро афтонда гум кардан

разруб *м* 1. (*по знач. гл.* **разрубить**) кафондан(и), бурриш, буридан(и), майда (пора) кардан(и) 2. ҷои кафондашуда, ҷои буридашуда

разрубание *с см.* **разруб** I

разрубать *несов. см.* **разрубить**

разрубаться *несов. страд.* кафонда (бурида) шудан, майда (пора) карда шудан

разрубить *сов. кого-что* кафондан, буридан, майда (пора) кардан, бурида пора кардан; ~ **дерево** дарахтро бурида пора кардан; ~ **дрова** ҳезумро кафондан ◇ ~ **гордиев узел** *книжн.* гиреҳи корро якбора кушодан

разрубка *ж спец. см.* **разруб** I

разругать *сов. кого-что разг.* сахт дашном додан, ҳақоратборон кардан; ~ **в пух и [в] прах** ҳақорати болохонадор кардан

разруга||ться *сов. разг.* ҷангу-ҷанҷол кардан, ҷангӣ шудан; **друзья** ~лись дӯстон ба ҳам ҷангу ҷанҷол карданд

разрумянивать *несов. см.* **разрумянить**

разрумяниваться *несов.* 1. *см.* **разрумяниться**; 2. *страд.* сурх (суп-сурх, гулгун) карда шудан

разрумяни||ть *сов. кого-что* сурхӣ задан (молидан); сурх (суп-сурх, гулгун) кардан; ~ть **щёки** сурхӣ молидан; **мороз** ~л **ей лицо** аёс рӯи уро суп-сурх кард

раскру́чиваться *несов.* 1. *см.* **раскрути́ться**; 2. *страд.* кушода (яла) карда шудан

раскрыва́ние *с см.* **раскры́тие**

раскрыва́ть *несов. см.* **раскры́ть**

раскрыва́ться *несов.* 1. *см.* **раскры́ться**; 2. *страд.* боз (яла) карда шудан, кушода шудан 3. *страд. перен.* маълум карда шудан, фош (ошкор карда шудан)

раскры́тие *с* (*по знач. гл.* **раскры́ть**) кушодан(и), боз (яла) кардан(и); ошкор (фош) кардан(и); (*по знач. гл.* **раскры́ться**) кушода (боз, яла) шудан(и); ошкор (фош) шудан(и); **~ парашю́та** кушодашавии парашют; **~ преступле́ния** фошкунии ҷиноят

раскры́ть *сов.* 1. *что* кушодан, боз (яла) кардан; **~ сунду́к** сандуқро кушодан; **~ окно́** тирезаро калон кушодан; **~ конве́рт** конвертро яла кардан; **~ зо́нтик** соябонро кушодан; **~ глаза́** 1) чашмро калон кушодан 2) *перен.* ҳайрон шуда мондан; **~ рот** 1) даҳон яла кардан 2) *перен.* ҳайрон шуда мондан 2. *кого-что* луч кардан, кушодан, намудор кардан; **~ ше́ю** гарданро луч кардан 3. *что* ошкор (фош) кардан, кушодан; **~ та́йну** сирро ошкор кардан; **~ преступле́ние** ҷиноятро фош кардан ◊ **~ ду́шу** *кому, перед кем* дили худро кушодан; **~ чью-л. игру́** найранги касеро фош кардан; **~ [свои́] ка́рты** нияту қасди худро ошкор кардан; **~ объя́тия** оғуш кушодан; **~ ско́бки** қавсро кушодан

раскры́‖ться *сов.* 1. кушода, боз (яла) шудан; **чемода́н ~лся** ҷомадон кушода шуд; **дверь ~лась** дар калон кушода шуд; **паке́т ~лся** пакет кушода шуд; **тетра́дь ~лась** дафтар кушода шуд 2. кушода (боз) шудан, болои худро кушодан; **ребёнок ~лся** кӯдак кӯрпаро аз болои худ кашид 3. намудор (кушода, паҳн) шудан; **пе́ред ним ~лась степь** дар пеши назари вай вусъати саҳро намудор гардид 4. ошкор (фош, кушода, маълум) шудан; **~лся за́говор** суиқасд ошкор гардид 5. *перен.* қобилият пайдо шудан, намоён (зоҳир) шудан; **у неё ра́но ~лись спосо́бности к рисова́нию** қобилияти сураткашии ӯ барвақт пайдо шуд 6. *карт. разг.* ҳама қартаҳоро задан

раскуда́хтаться *сов. разг.* 1. ба қут-қут даромадан, хеле қут-қут задан 2. *перен.* валвала бардоштан, вақ-вақ кардан, вағар-вағар кардан

раскула́чивание *с* (*по знач. гл.* **раскула́чить**) барҳам додани хоҷагии кулакҳо

раскула́чивать *несов. см.* **раскула́чить**

раскула́чиваться *несов. страд.* барҳам дода шудани хоҷагии кулакҳо

раскула́чить *сов.* *кого* хоҷагии кулакҳоро барҳам додан

раскуме́кать *сов.* *что прост.* фаҳмида гирифтан, сарфаҳм рафтан, дарьёфтан

раскупа́ть *несов. см.* **раскупи́ть**

раскупа́ться *несов. страд.* харида тамом (соф) карда шудан

раскупи́ть *сов.* *что* харида тамом (соф) кардан, бӯлак-бӯлак харида тамом кардан; **~ все това́ры** гамоми молҳоро харида тамом кардан

раску́поривание *с см.* **раску́порка**

раску́поривать *несов. см.* **раску́порить**

раску́пориваться *несов.* 1. *см.* **раску́пориться**; 2. *страд.* кушода шудан

раску́порить *сов.* *что* кушодан, боз (яла) кардан; **~ буты́лку вина́** даҳани шишаи майро кушодан

раску́пори‖ться *сов.* кушода (боз, яла) шудан; **бутылка легко́ ~лась** даҳани шиша бо осонӣ кушода шуд

раску́порка *ж* (*по знач. гл.* **раску́порить**) кушодан(и), бозкунӣ, ялакунӣ

раску́ривание *с* (*по знач. гл.* **раскури́ть**) даргиронда(и); тамокукашӣ

раску́ривать *несов.* 1. *см.* **раскури́ть**; 2. *что и без доп. разг.* кашидан, бо тамокукашӣ вақт гузарондан

раску́риваться *несов.* 1. *см.* **раскури́ться** 1; 2. *страд.* даргиронда шудан

раскури́ть *сов.* *что* 1. кашида даргирондан; **~ тру́бку** тамокуи дар чубуқ бударо кашида даргирондан 2. *прост.* кашида тамом кардан, то охир кашидан

раскури́ться *сов.* 1. даргирифтан 2. *прост.* ба бисьёр тамокукашӣ сар кардан; бисьёр тамоку (папирос) кашидан

раску́рка *ж разг. см.* **раску́ривание**

раскуси́ть *сов.* 1. *что* бо дандон шикастан, бо дандон булак кардан; **~ оре́х** чормағзро бо дандон шикастан 2. *кого-что перен. разг.* фаҳмида гирифтан, дарьёфтан; **~ чьи-л. наме́рения** ниятҳои касеро фаҳмида гирифтан

раску́сывать *несов. см.* **раскуси́ть** 1

раску́сываться *несов. страд.* бо дандон шикаста шудан

раску́тать *сов.* *кого-что* кушодан, яла кардан; **~ ребёнка** кудаки печондашударо кушодан

раску́таться *сов.* аз тан кашидан

раскути́ться *сов. разг.* ба айшу ишрат дода шудан, саргарми ишрат гаштан, ғарқи айёшӣ шудан

раску́тывать *несов. см.* **раску́тать**

раску́тываться *несов.* 1. *см.* **раску́таться**; 2. *страд.* кушода шудан

ра́совый, -ая, -ое нажодӣ; иркӣ

распа́д *м* (*по знач. гл.* **распа́сться**) пора-пора шудан(и), аз ҳам ҷудо шудан(и); таҷзия; пароканиш, завол; **~ колониа́льной систе́мы** заволи системаи мустамликадорӣ; **~ части́ц** пароканиши заррахо

распада́ться *несов. см.* **распа́сться**

распаде́ние *с* (*по знач. гл.* **распа́сться**) завол ёфтан(и); таҷзия; **~ моле́кулы** таҷзияи молекула

распа́док *м обл.* сой

распа́ивание *с* (*по знач. гл.* **распая́ть**) ҷудо кардани лаҳими *чизе*; (*по знач. гл.* **распая́ться**) ҷудо шудани лаҳими *чизе*

распа́ивать *несов. см.* **распая́ть**

распа́иваться *несов.* 1. *см.* **распая́ться**; 2. *страд.* ҷудо карда шудани лаҳими *чизе*

распа́йка *ж спец. см.* **распа́ивание**

распакова́ть *сов. что* кушодан, яла (боз, во) кардан; ~ **чемода́ны** ҷомадонҳоро кушодан

распакова́||ться *сов.* 1. *разг.* бори худро кушодан, чизҳои бастаи худро кушодан 2. кушода шудан, яла (боз, во) шудан; **свёрток** ~**лся** буғча кушода шудааст

распако́вка *ж см.* **распако́вывание**

распако́вывание *с* (*по знач. гл.* **распакова́ть**) кушодан(и), яла (боз, во) кардан(и); (*по знач. гл.* **распакова́ться**) кушода шудан(и), яла (боз, во) карда шудан(и)

распако́вывать *несов. см.* **распакова́ть**

распако́вываться *несов.* 1. *см.* **распакова́ться**; 2. *страд.* кушода шудан, боз (яла, во) карда шудан

распали́ть *сов. разг.* 1. *что* даргиронда́н, афрухтан; ~ **костёр** гулхан кардан 2. *что* тафсондан, сахт гарм кардан 3. *кого-что перен.* тафсондан, ба шавқ овардан, ба ҷуш даровардан, барангехтан

распали́ться *сов. разг.* 1. тафсидан, тафсон шудан, сахт гарм шудан 2. *чем и без доп. перен.* тафсидан, ба шавқ омадан; оташин шудан, бадқаҳр шудан

распа́лубить *сов. что тех.* тахтабандии бетонро кандан

распалубка *ж* кандани тахтабандии бетон

распаля́ть *несов. см.* **распали́ть**

распаля́ться *несов.* 1. *см.* **распали́ться**; 2. *страд.* тафсонда шудан

распа́ривание *с* (*по знач. гл.* **распа́рить**) буғдиҳӣ, буғ дода нармкунӣ; (*по знач. гл.* **распа́риться**) аз буғ нарм шудан(и); ~ **ко́жи** буғдиҳии чарм

распа́ривать *несов. см.* **распа́рить**

распа́риваться *несов.* 1. *см.* **распа́риться**; 2. *страд.* буғ дода шудан, буғ дода нарм карда шудан; арақшор карда шудан

распа́ри||ть *сов.* 1. *что* буғ додан, буғ дода нарм кардан, дам кардан; ~**ть ре́пу** шалғамро дар буғ пухтан; ~**ть ко́жу** пустро буғ додан 2. *кого-что* (*в бане*) арақ кунондан 3. *кого-что разг.* тафсонда (гарм карда) арақшор кардан; **меня́** ~**ло** *безл.* аз гармӣ арақшор шудам

распа́ри||ться *сов.* 1. дар буғ нарм шудан; **сухари́** ~**лись** нони қоқ дар буғ нарм шуд 2. *разг.* гарм шуда арақ кардан, аз гармӣ арақ кардан, арақшор шудан; **ко́ни** ~**лись** аспҳо арақшор шуданд

распа́рка *ж спец.* (*по знач. гл.* **распа́рить** 1) буғдиҳӣ, буғ дода нармкунӣ, арақ кунонан(и); (*по знач. гл.* **распа́риться** 1) арақшор шудан(и), аз буғ нарм шудан(и); ~ **кожи** буғдиҳии чарм

распа́рывать *несов. см.* **распоро́ть**

распа́рываться *несов.* 1. *см.* **распоро́ться**; 2. *страд.* аз кук (аз дарз) канда шудан

распа́||сться *сов.* 1. пора-пора шудан, вайрон шудан, аз ҳам ҷудо шудан, майда шудан; таҷзия шудан; ~**сться на ча́сти** пора-пора шудан; **моле́кула** ~**лась на а́томы** молекула ба атомҳо таҷзия шуд 2. *перен.* пароканда шудан; барҳам хурдан; завол ёфтан; **кружо́к** ~**лся** кружок пароканда шуд; их **дру́жба** ~**лась** дустии онҳо барҳам хурд; **импе́рия** ~**лась** империя завол ёфт

распатро́нивать *несов. см.* **распатро́нить**

распатро́нить *сов. прост.* 1. *кого-что* сахт танқид кардан, ҳақорат кардан, ҷанг кардан 2. *что* булак-булак кардан

распаха́ть *сов. что* рондан, ҳай (шудгор) кардан, гардондан; ~ **па́шню** киштзорро шудгор кардан

распа́хивать I *несов. см.* **распаха́ть**

распа́хивать II *несов. см.* **распахну́ть**

распа́хиваться I *несов. страд.* шудгор карда шудан

распа́хиваться II *несов. см.* **распахну́ться**

распахну́ть *сов. что* 1. кушодан, калон кушодан, боз (яла) кардан; ~ **окно́** табақаҳои тирезаро калон кушодан 2. (*одежду*) кушодан, калон кушодан; ~ **пальто́** барҳои пальторо калон кушодан

распахну́||ться *сов.* 1. калон кушода шудан, боз (яла) шудан; **дверь** ~**лась** дар калон кушода шуд 2. бари либоси худро кушодан; (*об одежде*) кушода шудан

распа́шка *ж* (*по знач. гл.* **распаха́ть**) заминронӣ, шудгоркунӣ

распашн||о́й I -а́я, -о́е *обл.* киштбоб, корам, шудгор мешудагӣ; ~**а́я земля́** замини киштбоб

распашн||о́й II а́я, -о́е 1. *уст.* (*об одежде*) бетугма, бетугмаи пешаш кушода 2. дутабақа; ~**ые две́ри** дари дутабақа ◇ ~**о́е весло́** бели дусараи қаиқронӣ

распашо́нка *ж* яктакча, куртачаи пешкушода

распая́ть *сов. что* лаҳими *чизеро* ҷудо кардан; ~ **ча́йник** лаҳими чойникро ҷудо кардан

распая́||ться *сов.* лаҳими *чизе* ҷудо шудан; **самова́р** ~**лся** лаҳими самовор ҷудо шуд

распе́в *м* 1. *муз.* наво 2. (*протяжное произношение*) мад кашидан(и)

распева́ть *несов.* 1. *см.* **распе́ть**; 2. *что и без доп. разг.* сурудан, ҳофизӣ кардан, ашӯла хонда гаштан; ~ **пе́сни** суруд хонда гаштан, сурудхонӣ кардан

распева́ться *несов. страд.* суруда шудан

распека́ние *с* (*по знач. гл.* **распе́чь**) сарзаниш, дашном

распека́ть *несов. см.* **распе́чь**

распека́ться *несов. страд.* сарзаниш карда шудан

распелена́ть *сов. кого* парпеч кушодан; ~ **ребёнка** парпечи кудакро кушодан

распелена́||ться *сов.* аз парпеч кушода шудан, парпечи худро кушодан; **ребёнок** ~**лся** кӯдак парпечи худро кушод

распелёнывать *несов. см.* **распелена́ть**

распелёнываться *несов.* 1. *см.* **распелена́ться** 2. *страд.* аз парпеч кушода шудан

распере́ть *сов. что чаще безл. разг.* фишор дода бӯлак кардан, кафондан; **льдом распёрло бо́чку** об ях карда бочкаро кафонд // *прост. безл.* бурдоқӣ шудан

распетуши́ться *сов. разг.* ба хархаша даромадан, ҷанг-талаб шудан

распе́ть *сов. что* 1. *муз.* сурудан, ҳофизӣ кардан, ашӯла хондан 2. *разг.* суруда-суруда овози худро пухта кардан

распе́||ться *сов. разг.* 1. саргарми сурудхонӣ шудан; (*о птицах*) ба хониш даромадан 2. дар сурудхонӣ ба авҷ омадан; **арти́ст ещё не** ~**лся** ҳоло авҷи ҳофиз наомадааст

распеча́тать *сов.* 1. *что* кушодан, яла (боз) кардан; ~ **паке́т** покетро кушодан 2. *что и без доп. прост.* чоп (нашр) кардан // *кого-что перен. уст. прост.* овоза (паҳн) кардан, бадном кардан

распеча́та||ться *сов.* кушода (яла, боз) шудан; **конве́рт** ~**лся** конверт кушода шуд

распеча́тывать *несов. см.* **распеча́тывать** *несов. см.* **распеча́тать**

распеча́тываться *несов.* 1. *см.* **распеча́таться**; 2. *страд.* кушода шудан

распе́чь *сов. кого разг.* сарзаниш кардан, сахт танбеҳ (дашном) додан

распива́ние *с* (*по знач. гл.* **распива́ть**) нӯшонӯшӣ, оҳиста-оҳиста нушидан(и)

распива́ть *несов.* 1. *см.* **распи́ть**; 2. оҳиста-оҳиста нӯшидан, нӯшида нишастан; ~ **чай** чойнӯшӣ кардан

распива́ться *несов. страд.* нушонӯшӣ карда шудан

распи́вочный, -ая, -ое *уст.* 1. дар ҷои хариданаш нӯшида мешудагӣ 2. *в знач. сущ.* **распи́вочная** *ж уст.* майхона, шаробхона

распи́л *м* 1. *см.* **распи́лка; попере́чный** ~ арракунии кундаланг 2. ҷои арра кардашуда

распи́ливание *с см.* **распи́лка**

распи́ливать *несов. см.* **распили́ть**

распи́ливаться *несов.* 1. *см.* **распили́ться**; 2. *страд.* арра карда шудан

распили́ть *сов. что* арра кардан, арра карда ҷудо кардан, бо арра булак кардан; ~ **де́рево** дарахтро бо арра майда кардан

распили́||ться *сов.* арра карда шудан, бо арра булак карда шудан; **доска́ с трудо́м** ~**лась** тахта ба зӯр арра карда шуд

распи́лка *ж* (*по знач. гл.* **распили́ть**) арракунӣ, бо арра бӯлаккунӣ; ~ **брёвен** арракунии ғулаҳо

распило́вка *ж лес. см.* **распи́лка**; ~ **ле́са** арракунии чӯб

распило́вочный, -ая, -ое *лес.* ...и арракунӣ; ~ **цех** цехи арракунӣ

распило́вщик *м* арракаш, чуббур

распина́ть I *несов. см.* **распя́ть**

распина́ть II *сов. кого разг.* лагад зада ба ҳар тараф партофтан

распина́ться *несов. разг.* тараддуд кардан

распира́||ть *несов.* 1. *см.* **распере́ть**; 2. *кого-что чаще безл. разг.* дамондан; дамидан; **грудь ~ет от го́рдости** сина аз фахр медамад; **его́ ~ет от ра́дости** аз шодӣ дар куртааш намеғунҷад

расписа́ние *с* ҷадвал; **~ заня́тий** ҷадвали машғулият (дарс); **~ движе́ния поездо́в** ҷадвали ҳаракати (рафтуомади) поездҳо

расписа́||ть *сов.* 1. *что* навиштан, навишта гирифтан; **~ть слова́ на ка́рточки** луғатҳоро ба варақчаҳо навишта гирифтан 2. *кого-что* тақсим карда навиштан, бо тартиб навиштан; **~ть по часа́м что́-л.** кореро соат ба соат навиштан 3. *что* нақшин (нақшунигор) кардан; **~ть потоло́к** шифти хонаро нақшин кардан 4. *что перен. разг.* бо муболиға тасвир кардан; **~ть свои́ успе́хи** муваффақиятҳои худро бо муболиға тасвир кардан 5. *кого-что перен. разг.* масхара (ҳаҷв) кардан; **я его́ так ~л!** ман ӯро чунон ҳаҷв кардам ки!

расписа́ться *сов.* 1. имзо кардан, даст мондан; **~ в получе́нии чего́-л.** барои гирифтани ягон чиз имзо кардан 2. *в чём перен.* исбот (собит) кардан, нишон додан; **~ в со́бственном бесси́лии** нотавонии худро нишон додан 3. *с кем и без доп. разг.* аз кайди никоҳ гузаштан 4. *разг.* ба нависонавис даромадан, навиштан гирифтан, ба навиштан саргарм шудан

распи́ск||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **расписа́ть** 1, 2, 3) навиштан(и), гузаронидан(и); **~а счето́в по кни́гам** *бухг.* ба дафтарҳои қайд гузаронидани ҳисоб-бот 2. нақшинкунӣ, нақшунигоркунӣ; **~а стен** нақшунигоркунии деворҳо 3. дастхат; забонхат; **~а в получе́нии де́нег** забонхат барои гирифтани пул; **дать ~у** забонхат додан

расписно́й, -а́я, -о́е *разг.* нақшин, наққошӣ, гулдор; **~ потоло́к** шифти нақшин

распи́сывание *с* (*по знач. гл.* **расписа́ть**) навиштан(и), гузарондан(и), нақшунигоркунӣ

распи́сывать *несов. см.* **расписа́ть**

распи́сываться *несов.* 1. *см.* **расписа́ться**; 2. *страд.* нақшин карда шудан

распи́тие *с уст.* (*по знач. гл.* **распи́ть**) нушида тамом кардан(и)

распи́ть *сов. что разг.* бо ҳам нушида тамом кардан; **~ буты́лочку вина́** як шиша шаробро бо ҳам нушидан

распиха́ть *сов. разг.* 1. *кого-что* ба ҳар тараф тела дода роҳ кушодан, тела-телакунон роҳ кушодан; **~ толпу́** издиҳомро ба ҳар тараф тела дода роҳ кушодан 2. *что* тиққондан, тиққонда ҷой кардан; **~ ме́лочь по карма́нам** пулҳои майдаро ба кисаҳо тиққонда ҷой кардан

распи́хивать *несов. см.* **распиха́ть, распихну́ть**

распи́хиваться *несов. страд.* ба ҳар тараф тела дода шудан

распихну́ть *сов. кого-что разг.* тела дода роҳ кушодан

распла́вить *сов. что* гудохтан, об кардан; **~ мета́лл** металл гудохтан

распла́ви||ться *сов.* гудохта шудан, об шудан; **свине́ц ~лся** қурғошим гудохта шуд

распла́вка *ж* (*по знач. гл.* **распла́вить**) гудохтан(и), об кардан(и), гудозиш, обкунӣ; **~ мета́лла** гудозиши металл

расплавля́ть *несов. см.* **распла́вить**

расплавля́ться *несов.* 1. *см.* **распла́виться**; 2. *страд.* гудохта шудан

распла́каться *сов.* гирья карда сар додан, сахт гирья кардан, гиристан гирифтан, ба гирья даромадан; **го́рько ~** зор-зор гиристан

распланиро́вать *сов. что* 1. ба план даровардан, аз руи план тақсим кардан; **~ вре́мя** вақтро мувофиқи план тақсим кардан; **~ свои́ заня́тия** машғулияти худро ба план даровардан 2. аз руи план сохтан (тақсим кардан) раҷҷа кашидан; **~ ла́герь** лагерьро мувофиқи план сохтан

распланиро́вка *ж* (*по знач. гл.* **распланиро́вать**) аз руи план тақсимкунӣ

распланиро́вывать *несов. см.* **распланиро́вать**

распланиро́вываться *несов. страд.* ба план дароварда шудан, аз руи план тақсим карда шудан, раҷҷа кашида шудан

распласта́ть *сов.* 1. *что* қабат-қабат кардан, ба табақаҳо ҷудо кардан, ба дарозӣ буридан (чок кардан); **~ ры́бу** моҳиро ба дарозиаш буридан 2. *что тех.* фушурда пачақ кардан 3. *кого-что разг.* паҳн карда хобондан, ёзонда хобондан, ёзондан; **~ кры́лья** болҳоро ёзондан

распласта́ться *сов. разг.* дароз кашида (ёзнда) хоб кардан, паҳн шуда хоб кардан

распла́стывать *несов. см.* **распласта́ть**

распла́стываться *несов.* 1. *см.* **распласта́ться**; 2. *страд.* қабат-қабат карда шудан, ба табақаҳо ҷудо карда шудан; бурида шудан, чок карда шудан; фушурда пачақ карда шудан

распла́т||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **расплати́ться**) ҳисобро баробар кардан(и), ҳисоббаробаркунӣ 2. *перен.* қасосгирӣ, ҷазодиҳӣ; қасос, ҷазо; **наста́л час ~ы** вақти қасос расид

расплати́||ться *сов.* 1. *с кем и без доп.* пардохтан, ҳисоб баробар кардан, ҳисобу китоб кардан; **я по́лностью ~лся с долга́ми** ман қарзҳоро адо кардам 2. *перен.* (*отомстить*) қасос гирифтан, ҷазо додан 3. *перен.* ҷазо дидан, товон додан; **~ться за преступле́ние** барои ҷиноят ҷазо дидан

распла́чиваться *несов. см.* **расплати́ться**

расплева́ться *сов. прост.* 1. ба туфкунӣ доромадан, туф кардан гирифтан 2. *с кем-чем перен.* мунокиша карда алоқаро кандан

расплеска́ть *сов. что* пошидан, пош хурондан, лат дода резондан; **~ во́ду** обро пош хурондан

расплеска́ться *сов.* 1. пош хӯрдан, лат хурда рехтан 2. *разг.* лаппидан гирифтан, ба лаппиш даромадан

расплёскивать *несов. см.* **расплеска́ть**

расплёскиваться *несов.* 1. *см.* **расплеска́ться** 1; 2. *страд.* пош хуронда шудан

расплесну́ть(ся) *сов. однокр. к* **расплёскивать(ся)**

расплести́ *сов. что* кушодан, аз ҳам кушодан, аз ҳам ҷудо кардан; **~ ко́су** гесуро кушодан

расплё||сти́сь *сов.* кушода шудан, аз ҳам кушода шудан; **коса́ ~лась** гесу кушода шудааст

расплета́ть *несов. см.* **расплести́**

расплета́ться *несов.* 1. *см.* **расплести́сь**; 2. *страд.* кушода шудан

распло́д *м. спец.* (*по знач. гл.* **расплоди́ть**) наслзиёдкунӣ; (*по знач. гл.* **расплоди́ться**) наслзиёдшавӣ, афзоиш; **~ скота́** наслзиёдкунии (наслзиёдшавии) чорпо

расплоди́ть *сов. кого-что* 1. наслро зиёд кардан, афзоёндан; **~ племенно́й скот** чорвои зотиро зиёд кардан 2. *перен.* роҳ додан, зиёд (паҳн) кардан; **~ тарака́нов** ба зиёд шудани нонхуракҳо роҳ додан

расплоди́||ться *сов.* 1. зиёд шудан, афзоиш ёфтан, афзудан, сернасл шудан; **кро́лики ~лись** харгушҳо афзуданд 2. *перен.* зиёд шудан, зиёд шуда рафтан; **тарака́ны ~лись** нонхӯрак зиёд шуда рафт

расплыва́ться *несов. см.* **расплы́ться**

расплы́вчатость *ж* норавшанӣ, номуайянӣ, норавшан (номуайян) будан(и), хирагӣ; **~ формулиро́вки** норавшани формулировка

расплы́вчат||ый, -ая, -ое (**расплы́вчат, -а, -о**) *прям., перен.* норавшан, номуайян, хира; **~ые очерта́ния** тарҳи норавшан; **~ая мысль** фикри номуайян

расплы́вш||ийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* паҳншуда 2. *прил. разг.* бисьёр фарбеҳ, варамкарда, ғафс; **~аяся фигу́ра** қадду басти бисьёр фарбеҳ; **~ееся лицо́** рӯи пурғӯшт

расплы́ться *сов.* 1. паҳн шудан; **черни́ла расплыли́сь по бума́ге** снёҳӣ дар руи коғаз паҳн шуд // (*о тучах, дыме, свете и т. п.*) паҳн шудан, фаро гирифтан 2. *перен.* баднамо шудан 3. *перен. разг.* бисьёр фарбеҳ шуда рафтан, ғафс шуда рафтан 4. *перен.*: **лицо́ его́ расплыло́сь в улы́бке** даҳонаш ба баногушаш расид 5. ба ҳар тараф шино кардан, шино карда пароканда шудан

расплю́снуть(ся) *сов. разг. см.* **расплю́щить(ся)**

расплю́щивать *несов. см.* **расплю́щить**

расплю́щиваться *несов.* 1. *см.* **расплю́щиться**; 2. *страд.* зада пачақ (маҷақ) карда шудан

расплющить *сов. что* зада пачак (мачақ) кардан, пахш (зер) кардан; ~ **шляпку гвоздя** сари мехро зада пачақ кардан

расплющи||ться *сов.* пачақ (мачақ) шудан; **гвоздь ~лся** мех пачақ шуд

расплясаться *сов. разг.* саргарми рақс шудан

распогодиться *сов. безл. разг.* беғубор (беабр, соф) шудан

расподобление *с лингв.* диссимиляция

расподобляться *несов. лингв.* диссимиляция шудан

распознавание *с (по знач. гл.* **распознать**) донистан(и), дарьёфткунӣ, шинохтан(и)

распознавать *несов. см.* **распознать**

распознаваться *несов. страд.* дониста шудан

распознать *сов.* 1. *кого-что* донистан, дарьёфтан; ташхис кардан; ~ **болезнь** бемориро ташхис кардан 2. *что и без доп.* ёфтан, фаҳмидан, сарфаҳм рафтан, пай бурдан; ~ **чужие намерения** ниятҳои дигаронро пай бурдан

располагать I *несов. см.* **расположить**

располага||ть II *несов.* 1. *чем* доро будан, доштан; **~ть значительными средствами** дорои маблағи калон будан; **я не ~ю свободным временем** ман вақти холӣ надорам 2. *кем* дар ихтиёри худ доштан, соҳибихтиёрӣ кардан; **можете мной ~ть** ман ба ихтиёри шумо 3. *к чему* мусоидат кардан (будан); **обстановка ~ет к работе** шароит барои кор кардан мусоид аст 4. *уст. чаще с неопр.* ният (фикр) доштан; **он ~ет уехать** ӯ нияти рафтан надошт

располагаться *несов.* 1. *см.* **расположиться**; 2. *страд.* ҷо ба ҷо карда шудан

располагающ||ий, -ая, -ее дилчасп, дилкаш, дилнишин, форам; **~ая внешность** қиёфаи дилкаш

расползаться *несов. см.* **расползтись**

располз||тись *сов.* 1. бар ҳар тараф паҳн шудан, ба ҳар тараф хазидан; пароканда шуда рафтан, ба ҳар тараф гурехтан 2. *перен. (растечься)* паҳн шудан; **чернила ~лись** сиёҳӣ паҳн шуд 3. *перен. прост. (располнеть)* бисьёр фарбеҳ шуда рафтан, ғафс шудан 4. *разг.* чиғда-чиғда шудан, титу пит шудан; **платье совсем ~лось** курта титу пит шуд

располне||ть *сов.* хеле фарбеҳ шудан, бисьёр ғафс шудан; **он сильно ~л** вай хеле фарбеҳ шудааст

расположени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **расположить** 1) ҷобаҷокунӣ, ҷойгиркунӣ, ҷобаҷогузорӣ; **~е слов в алфавитном порядке** ҷобаҷогузории калимаҳо мувофиқи тартиби алифбо 2. мавқеъ, ҷой, ҷобаҷошавӣ, ҷойгиршавӣ; **~е пионерского лагеря** мавқеи лагери пионерӣ; **проникнуть в ~е противника** ба мавқеи душман дохил шудан 3. тартиб, вазъ, вазъият; **~е фигур на шахматной доске** вазъияти муҳрҳои шоҳмот дар руи тахта 4. илтифот, майл, рағбат, ҳусни таваҷҷӯҳ; чувствовать ~е к кому-л. ба касе майли таваҷҷӯҳ доштан; **снискать чьё-л. ~е** илтифоти касеро ба даст овардан 5. *к чему* майл, рағбат, шавқ, завқ; **~е к музыке** майл ба мусиқӣ 6. руҳия, кайфият, димоғ; **быть в хорошем ~и** кайфияти хуш доштан, димоғчоқ будан ◇ **~е духа** руҳия; **хорошее ~е духа** хушҳолӣ, димоғчоқӣ; **плохое ~е духа** хафагӣ, димоғи сӯхта

расположенн||ый, -ая, -ое (расположен, -а, -о) 1. *к кому* моил, хайрхоҳ, боилтифот; **быть ~ым к кому-л.** ба касе хайрхоҳ будан 2. *к чему или с неопр.* моил будан; **я не расположен отдыхать** ман ба дам гирифтан майл надорам

расположить *сов.* 1. *кого-что* ҷо ба ҷо кардан, ҷойгир кардан, ҷо ба ҷо гузоштан, чидан; ~ **что-л. в шахматном порядке** чизеро бо тартиби шоҳмот чидан; ~ **войска** қӯшунро ҷойгир кардан 2. *кого* моил кардан, рағбат пайдо кунондан; ~ **к себе** ба худ моил кардан

располож||иться *сов.* 1. ҷо ба ҷо шудан, ҷойгир шудан, ҷой гирифтан; воқеъ будан; **~ться на поляне** дар ялангӣ ҷойгир шудан; **деревня ~лась на склоне горы** деҳа дар нишебии кӯҳ воқеъ аст // нишастан, ҷой гирифтан, дароз кашидан, хоб кардан; **удобно ~ться на диване** дар болои диван бахузур нишастан 2. *с неопр. уст. разг.* ният (азм) доштан; **я ~лся ехать, но раздумал** ман азми рафтан доштам, аммо боз аз фикри худ гаштам

располосовать *сов. что* 1. тасма-тасма буридан; ~ **кожу** чармро тасма-тасма буридан 2. *(поранить, рассечь)* чок-чок кардан

распоп *м уст.* распоп *(попи маъзул)*

распор *м тех.* тазьиқи арзӣ

распорка *ж тех.* тиргак

распоро||ть *сов. что* 1. кӯк (чок) кандан; **~ть платье** чоки куртаро кандан 2. даррондан, чок кардан; маҷрӯҳ (ярадор) кардан; **волк ~л бок овце** гург биқини гӯсфандро чок кард; **~ть руку гвоздём** дастро бо мех чок кардан

распоро||ться *сов.* канда шудан, даридан; **шов ~лся** чок канда шуд

распорочный, -ая, -ое *тех.* тиргакбоб; ~ **брус** ғулаи тиргакбоб

распорядитель *м* маъмур, роҳбар, мудир

распорядительница женск. к **распорядитель**

распорядительность *ж* босариштагӣ, ботадбирӣ, эбчилӣ; **проявить** ~ босариштa будан

распорядительн||ый, -ая, -ое 1. (распорядите|лен, -льна, -льно) босариштa, ботадбир; **~ый начальник** сардори ботадбир 2. *офиц. (издающий распоряжения)* амрдиҳанда; **~ые органы Совета народных депутатов** органҳои амрдиҳандаи Совети депутатҳои халқ

распорядиться *сов.* 1. фармон додан, амр кардан, фармудан 2. *чем* сариштa кардан, идора кардан, роҳбарӣ кардан; ~ **деньгами** пулро кор фармудан; ~ **организацией праздничного вечера** ба ташкили базми идона роҳбарӣ кардан

распоряд||ок *м* тартиб, тартибот; **правила внутреннего ~ка** қоидаҳои тартиботи дохилӣ; **~ок дня** рӯзнома

распоряжаться *несов.* 1. *см.* **распорядиться**; 2. *(управлять, хозяйничать)* идора кардан 3. фармонравоӣ (фармонфармоӣ) кардан, ҳукмронӣ кардан; ~ **как у себя дома** чун дар хонаи худ фармонфармоӣ кардан

распоряжени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **распорядиться**) фармондиҳӣ; сариштакунӣ, идоракунӣ; **~е имуществом** идоракунии молу мулк 2. фармон, амр, дастур, қарор; **сделать ~я** фармон додан, амр кардан; **~е главнокомандующего** фармони сарфармондеҳ; **отдать ~е** фармон додан; **получить ~е** фармон гирифтан; **до особого ~я** то фармони махсус ◇ **в ~е кого-чего-л.** ба ихтиёри касе, чизе; **предоставить в чьё-л. ~е** ба ихтиёри касе додан; **в ~и кого-чего-л.** дар ихтиёри касе, чизе; **иметь в своём ~и** дар ихтиёри худ доштан

распотешить *сов. кого уст. разг.* хушҳол (шодмон, хурсанд) кардан; бисьёр хандондан

распотешиться *сов. уст. разг.* хушҳол (шодмон, хурсанд) шудан; бисьёр хандидан

распоясать *сов. кого-что* миёнбанд кушодан; ~ **малыша** миёнбанди бачаро кушодан

распоясаться *сов.* 1. камарбанди (миёнбанди) худро кушодан 2. *перен. разг.* бетартиб (бенӯхта, белаҷом) шудан; шалақ шудан

распоясывать *несов. см.* **распоясать**

распоясываться *несов.* 1. *см.* **распоясаться**; 2. *страд.* кушода шудан

распра́в||а *ж* 1. ҷазо, ҷазодиҳӣ; **кровавая ~а** ҷазои хунин; **учинить ~у** ҷазо додан 2. *ист. (суд; решение суда)* мурофиа; ҳукми маҳкама 3. *ист.* маҳкама, қозихона ◇ **~а короткая** ҷазои сахту тез

расправить *сов. что* 1. тахт (ҳамвор, рост) кардан; ~ **складки** чинҳоро тахт кардан; ~ **лист бумаги** варақаи коғазро тахт кардан; ~ **морщины на лбу** оҷингҳои пешонаро кушодан 2. рост (паҳн) кардан, кушодан; ёзондан; ~ **крылья** 1) болҳоро ёзондан (кушодан); 2) ғайрат нишон додан, камари ҳиммат бастан; ~ **плечи** сина дамондан; ~ **спину** қоматро рост кардан

распра́ви||ться I *сов.* тахт (ҳамвор, рост) шудан, кушода шудан; **складки ~лись** чинҳои либос ҳамвор шуд

расправиться II *сов. с кем-чем* 1. ҷазо додан 2. *перен. разг.* тамоми хӯрокро хурдан, хӯрда тамом кардан; ~ **с обедом** таомро хӯрда тамом кардан

расправлять *несов. см.* **расправить**

расправляться I *несов.* 1. *см.* **расправиться** I; 2. *страд.* тахт (ҳамвор, рост) карда шудан

расправляться II *несов. см.* расправиться II

распределени||е *с* 1. (*по знач. гл.* распределить) тақсимкуни, тақсим, тақсимот; (*по знач. гл.* распределиться) тақсимшавӣ; ~е доходов тақсимоти даромадҳо; ~е часов тақсимоти соатҳои машғулият 2. *эк.* тақсимот; социалистический принцип ~я по труду принципи социалистии тақсимот мувофиқи меҳнат

распределитель *м* 1. тақсимкунанда 2. дукони тақсимоти мол, дӯкони молтақсимкунӣ 3. *тех.* танзимак

распределительный, -ая, -ое тақсимкунанда, ҳиссакунанда, ...и тақсимот; ~ пункт пункти тақсимот

распределить *сов. кого-что* 1. тақсим (ҳисса) кардан; ~ продукты озуқаро тақсим кардан 2. ҷо ба ҷо кардан, ҷойгир кардан, ба тартиб даровардан, мунтазам кардан; ~ своё время вақтн худро ба тартиб даровардан; ~ собранный материал материали ҷамъкардаро тасниф кардан 3. ба кор таъин кардан; ~ окончивших вузы тамомкунандагони мактабҳои олиро ба кор таъин кардан

распредели||ться *сов.* 1. тақсим шудан; обязанности ~лись вазифаҳо тақсим шуданд; экскурсанты ~лись по группам экскурсантхо ба гурӯҳҳо тақсим шуданд 2. ба кор таъин шудан; он ~лся на Север мувофиқн таксимот вай ба кор ба Шимол фиристода шуд

распределять *несов. см.* распределить

распределяться *несов.* 1. *см.* распределиться; 2. *страд.* тақсим карда шудан

распрекрасный, -ая, -ое (распрекрас|ен, -на, -но) *разг.* бисьёр хушруй, хеле зебо

распробовать *сов. что разг.* чашида дидан, чашида фаҳмидан

распродавать *несов. см.* распродать

распродаваться *несов. страд.* фурухта тамом карда шудан

распродажа *ж* (*по знач. гл.* распродать) фурухтан(и), фурӯш, фурӯхта тамомкунӣ; ~ имущества фурухтани молу мулк

распродать *сов. что* фурухта тамом кардан

распроклятый, -ая, -ое *разг.* лаънатӣ, лаин

распропагандировать *сов. кого разг.* хуб ташвиқот карда ба роҳе даровардан

распростереть *сов. что книжн.* 1. паҳн кардан, ёзондан, кушодан; ~ крылья болҳоро паҳн кардан 2. *на кого-что перен.* то ба ҳадде расондан, паҳн намудан; ~ своё влияние нуфузи худро ба ҳадде расондан ◇ ~ объятия оғуш кушодан

распрос||тереться *сов. книжн.* 1. дастҳоро ба ду тараф партофта хобидан, паҳн шуда хобидан, ёзида хобидан; он ~тёрся на траве ӯ дар болон алаф паҳн шуда мехобид 2. паҳн шудан; широко ~тёрлись леса и реки бешазору дарьёҳо васеъ паҳн шудаанд 3. *перен.* паҳн шудан, фаро гирифтан (*оид ба нуфуз*)

распростёрт||ый, -ая, -ое паҳншуда, ёзида, кушод, кушода; с ~ыми руками бо оғуши кушода ◇ встретить (принять) с ~ыми объятиями меҳрубонона пешвоз гирифтан, аз таҳи дил қабул кардан

распростирать *несов. см.* распростереть

распростираться *несов.* 1. *см.* распростереться; 2. *страд.* ёзонда шудан, кушода шудан

распроститься *сов. с кем-чем и без доп. разг.* видоъ (хушбошӣ, хайру хуш) кардан; ~ с друзьями бо дустон видоъ кардан // *перен.* аз баҳри *чизе* гузаштан, тарки *чизе* кардан; ~ с мечтой тарки орзу кардан

распространение *с* (*по знач. гл.* распространить) васеъкунӣ, вусъатдиҳӣ, паҳнкунӣ; (*по знач. гл.* распространиться 2—4) паҳншавӣ, вусъатьёбӣ; ~ опыта передовиков производства вусъатдиҳии таҷрибан пешқадамони истеҳсолот; ~ холода паҳншавии хунукӣ; получить большое ~ хеле маъмул шудан

распространённость *ж* дараҷаи вусъатьёби, паҳншавӣ, вусъатёбӣ; ~ этих видов растений очень велика ин навъҳои растанӣ хеле васеъ паҳн шудаанд

распространённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* паҳн кардашуда, вусъат додашуда 2. *прил.* маъмул, машҳур, маълум; ~ое мнение фикри маъмул; ~ая книга китоби машҳур ◇ ~ое предложение *грам.* ҷумлаи тафсилӣ

распространитель *м* паҳнкунанда; ~ ложных слухов паҳнкунандаи овозаҳои бардуруғ

распространительница *женск. к* распространитель

распространительн||ый, -ая, -ое васеъ, васеъкунанда; ~ое толкование закона муфассал тафсир кардани қонун

распространить *сов. что* 1. васеъ кардан, вусъат додан, калонтар кардан; ~ свои владения мулки давлатро васеъ кардан; қаламрави давлатро васеъ гардондан 2. вусъат додан, паҳн кардан; ~ своё влияние нуфузи худро васеъ намудан 3. интишор кардан; ~ учение таълимотро интишор кардан 4. паҳн кардан, пур кардан, фаро гирондан; ~ вокруг себя сильный запах духов буи баланди атрро ба атрофи худ паҳн кардан 5. паҳн кардан, фурухтан; ~ брошюру брошюраро паҳн кардан

распространи||ться *сов.* 1. васеъ шудан, вусъат ёфтан 2. паҳн шудан, фаро гирифтан; гангрена ~лась по всей руке каросон тамоми дастро фаро гирифтааст 3. паҳн (овоза, маълум) шудан; слава о нём ~лась по всему миру шуҳрати у дар тамоми дуньё паҳн шуд 4. фаро гирифтан, паҳн шудан; аромат цветов ~лся по всей квартире буи гул хонаро фаро гирифт 5. *разг.* дуру дароз нақл кардан, ба тафсил гап задан

распространять *несов. см.* распространить

распространяться *несов.* 1. *см.* распространиться; 2. *страд.* паҳн карда шудан

распрощаться *сов. см.* распроститься

распрыгаться *сов.* ба ҷаҳиш даромадан, ҷаҳидан гирифтан, саргарми ҷаҳидан шудан

распрыскать *сов. что разг.* пош додан, пошидан, чошидан, чошида тамом кардан

распрыскиватель *м* моеъпошак, моеъпуфкунак

распрыскивать *несов. см.* распрыскать

распр||я *ж* ҷанҷол, кашмакаш, ихтилоф, низоъ; между ними часто бывают ~и дар байни онҳо зуд-зуд ҷанҷол шуда меистад

распрягать *несов. см.* распрячь

распрягаться *несов.* 1. *см.* распрячься; 2. *страд.* кушода шудан, яла карда шудан

распряжка *ж* (*по знач. гл.* распрячь) *разг.* кушодан(и), яла кардан(и)

распрямить *сов. что* рост кардан; ҳамвор кардан; ~ проволоку [қати] симро рост кардан, сими каҷро рост кардан // рост кардан; бардоштан; ~ спину рост шудан, қомат рост кардан

распрями||ться *сов.* рост шудан; ҳамвор шудан // рост шудан, қомат рост шудан; спина ~лась қомат рост шуд

распрямление *с* (*по знач. гл.* распрямить) росткунӣ; (*по знач. гл.* распрямиться) ростшавӣ; ~ пружины ростшавии пружина

распрямлять *несов. см.* распрямить

распрямляться *несов.* 1. *см.* распрямиться; 2. *страд.* рост карда шудан

распрячь *сов. кого* кушодан, яла кардан

распря||чься *сов.* яла (кушода) шудан (*оид ба асп ва афзолаш*); лошади ~глись аспҳо аз ароба кушода шуданд

распугать *сов. кого-что разг.* рамонда ба ҳар тараф рондан (гурезондан), тарсонда (хӯсонда) пароканда кардан; ~ стадо рамаро рамонда пароканда кардан

распугивать *несов. см.* распугать

распугиваться *несов. страд.* аз тарс пароканда шудан

распугнуть *сов. однокр. к* распугать

распускание *с* (*по знач. гл.* распустить 2, 4, 5) кушоиш, кушодан(и); паҳнкунӣ; (*по знач. гл.* распуститься 1, 2, 5) обшавӣ, кушодашавӣ, сустшавӣ; ҳалшавӣ; ~ парусов кушодани бодбонҳо; ~ слухов паҳнкунии овоза, овозапаҳнкунӣ; ~ краски в воде ҳалшавии ранг дар об, обшавии ранг; ~ почек кушодашавии муғча

распускать *несов. см.* распустить

распускаться *несов.* 1. *см.* распуститься; 2. *страд.* кушода шудан; паҳн карда шудан

распустёха *ж прост.* занаки либосаш чиркин, занаки бетартиб

распустить *сов.* 1. *кого-что* ҷавоб

додан, мурахҳас кардан; пароканда кардан, барҳам додан; ~ **учащихся на каникулы** талабагонро ба таътил ҷавоб додан; ~ **собра́вшихся** ҷамъомадагонро ҷавоб додан; ~ **коми́ссию** комиссияро барҳам додан 2. *что* кушодан, яла кардан, суст кардан; ~ **шнуро́вку** тоби ресмонро кушодан; ~ **паруса́** бодбонҳоро кушодан; ~ **во́лосы** мӯи бофтаро кушодан; ~ **чуло́к** бофтаи ҷуроброро кушодан 3. *кого-что* бесар кардан, ба сари худ гузоштан, беинтизом кардан 4. *что* паҳн кардан; ~ **слу́хи** овоза паҳн кардан 5. *что разг.* об кардан, ҳал (маҳлул) кардан; ~ **са́хар в воде́** қандро дар об ҳал кардан ◇ ~ **го́рло (гло́тку)** *прост.* аррос задан, ба аррос даромадан; ~ **ню́ни** *прост. презр.* 1) ба гиря даромадан 2) нолиш (шиква) кардан 3) оҷиз мондан, даҳаньяла шудан; ~ **слю́ни** *прост.* 1) ба гирья даромадан 2) нолиш (шиква) кардан 3) оҷиз шудан, даҳаньяла шудан 4) нармдил шудан; ~ **язы́к** *прост.* бисьёр манаҳ задан

распусти́||ться *сов.* 1. *(о почках, цветах)* кушода (яла) шудан, шукуфтан; *(о деревьях)* барг баровардан 2. *разг.* кушода шудан, суст (халта) шудан; **по́яс** ~**лся** тасма суст шудааст; **чуло́к** ~**лся** бофтаҳои ҷуроб кушода шудааст; **коса́** ~**лась** кокул кушода шудааст 3. *перен. разг.* худдориро аз даст додан, сустирода шудан 4. *разг.* бесар (худсар) шудан, беинтизом шудан; **де́ти** ~**лись без присмо́тра** бачагон беназорат монда бесар шудаанд 5. *разг.* об шудан, ҳал (маҳлул) шудан; **са́хар** ~**лся в воде́** қанд дар об ҳал шуд

распу́тать *сов.* 1. *что* кушодан, яла (боз) кардан; ~ **шерсть** чигили пашмро кушодан; ~ **верёвку** печу тоби арғамчинро кушодан 2. *что перен.* кушодан, равшан (возеҳ) кардан; ~ **сло́жное де́ло** кори мураккабро равшан кардан 3. *кого-что* кушодан, озод (халос) кардан; ~ **коня́** кишани аспро кушодан

распу́та||ться *сов.* 1. кушода (яла, боз) шудан; **шерсть** ~**лась** чигили пашм кушода шуд 2. *перен. разг.* равшан (возеҳ) шудан; **де́ло** ~**лось** кор равшан шуд 3. *с кем-чем и без доп. перен. разг.* халос шудан; ~**ться с долга́ми** аз қарзҳо халос шудан 4. бандро кушода озод шудан; **ло́шадь** ~**лась** асп бандашро яла кард

распу́тица *ж* лойгарӣ, мавсими лойгарӣ; **осе́нняя** ~ лойгарии тирамоҳ

распу́тник *м* бадахлоқ, фосиқ

распу́тница *женск. к* **распу́тник**

распу́тничать *несов.* бадахлоқӣ (фосиқӣ) кардан, ба фисқу фуҷур дода шудан

распу́тный, -ая, -ое (распу́т|ен, -на, -но) бадахлоқ, фосиқ

распу́тство *с* бадахлоқӣ, фосиқӣ; фисқу фуҷур

распу́тствовать *несов. см.* **распу́тничать**

распу́тывать *несов. см.* **распу́тать**

распу́тываться *несов.* 1. *см.* **распу́таться**; 2. *страд.* кушода шудан, яла карда шудан

распу́тье *с* 1. дуроҳа, чорроҳа; **дом стои́т на** ~ хона дар сари чорроҳа истодааст 2. *обл. см.* **распу́тица** ◇ **на** ~ **быть (находи́ться)** дудила шуда гаштан, дудилагӣ кардан

распуха́ние *с (по знач. гл.* **распу́хнуть)** варамкунӣ, омосидан(и); ~ **желёз** варамкунии ғадудҳо

распуха́ть *несов. см.* **распу́хнуть**

распу́хлый, -ая, -ое *прост.* варамида, омосида

распу́х||нуть *сов.* 1. варам кардан, омосидан; **щека́** ~**ла** руй варам кард 2. *перен. разг. неодобр.* варамида рафтан; 3. *перен. прост.* фарбеҳ (ғафс) шудан

распуши́ть *сов.* 1. *что* фаҳ кунондан, фаххак занондан; тит кардан; ~ **шерсть** пашмро фаххак занондан // *(перья)* фаҳондан, сих кардан, бархезондан *(парро)* // *(почки, цветки)* кушодан, шукуфтан 2. *кого разг.* дашном додан, ҳақорат (сарзаниш, маломат) кардан

распуши́||ться *сов.* фаҳ кардан, сих шудан; **во́лосы** ~**лись** мӯйҳо сих шуданд // *(о птицах)* пару боли худро фаҳ кардан, пару бол сих кардан // *(о растениях)* сабза дамидан, шукуфтан

распу́щенность *ж* 1. бесарӣ, беинтизомӣ, бенухтагӣ 2. бадахлоқӣ, фосиқӣ; ~ **нра́вов** бадахлоқӣ

распу́щенный, -ая, -ое 1. *прич.* ҷавоб додашуда, пароканда кардашуда 2. *прил.* (распу́щен, -на, -но) бесар, беинтизом, худсар; ~ **ребёнок** бачаи бесар 3. *прил.* (распущен, -на, -но) бадахлоқ, фосиқ

распыла́ться *сов. разг.* 1. шӯълавар шудан, аланга гирифтан, даргирифтан 2. *перен.* суп-сурх шудан, арғувонӣ (лолагун) шудан

распыле́ние *с (по знач. гл.* **распыли́ть)** хока (гард) кардан(и), майда кардан(и); пошидан(и), чошидан(и); пароканда (парешон) кардан(и); *(по знач. гл.* **распыли́ться)** хока (гард) шудан(и), пошхӯрӣ // пароканда (парешон) шудан(и); ~ **не́фти** пошхӯрии нафт; ~ **сил** парокандашавии қувваҳо

распылённость *ж* парокандагӣ, парешонӣ, парешон будан(и); ~ **посе́вов** парокандагии киштҳо

распылённый -ая, -ое 1. *прич.* пошидашуда, чошидашуда 2. *прил.* пароканда, парешон, пошида, титу парешон, чошу пош

распыли́тель *м* пошдиҳак *(асбобест, ки барои пош додани моддаҳои обакӣ ё хока кор фармуда мешавад)*

распыли́ть *сов.* 1. *что* хока (гард) кардан, майда кардан, пора-пора кардан 2. *что* пошидан, чошидан, пош додан; ~ **нефть** нафтро пош додан 3. *кого-что перен.* пароканда (парешон) кардан; ~ **сре́дства** маблағро пароканда кардан; ~ **си́лы** қувваҳоро пароканда кардан

распыли́||ться *сов.* 1. хока (гард) шудан, пош хӯрдан 2. *перен.* пароканда (парешон) шудан; **сре́дства** ~**лись** маблағҳо пароканда шуданд

распыля́ть *несов. см.* **распыли́ть**

распыля́ться *несов.* 1. *см.* **распыли́ться**; 2. *страд.* пошида шудан; пароканда карда шудан

распя́ливание *с (по знач. гл.* **распя́лить)** таранг кашӣ, тарангкунӣ; ~ **шкур** таранг кашидани пӯстҳо

распя́ливать *несов. см.* **распя́лить**

распя́ливаться *несов. страд.* таранг кашида шудан

распя́лить *сов. что* таранг кашидан, таранг кашида ёзондан; ~ **шку́ру медве́дя** пӯсти хирсро таранг кашидан

распя́лка *ж* чорчилликк, чормех *(асбобест, ки дар рӯи он пӯст ва монанди он таранг кашида мешавад)*

распя́тие *с* 1. *(по знач. гл.* **распя́ть)** *уст.* таслиб 2. *рел.* таслиби Исо

распя́ть *сов. кого* таслиб (чормех) кардан

расса́да *ж* кӯчат, ниҳол

рассади́ть *сов.* 1. *кого* ҷо ба ҷо шинондан, шинондан; ~ **всех по места́м** ҳамаро ҷо ба ҷо шинондан 2. *кого* ҷудо-ҷудо шинондан, алоҳида-алоҳида ҷойгир кардан; ~ **поссо́рившихся дете́й** бачаҳои бо ҳамдигар ҷанг кардаро ҷудо-ҷудо шинондан 3. *что* кӯчат карда шинондан; ~ **капу́сту** карамро кӯчат кард шинондан 4. *что прост.* шикастан, кафондан; ~ **поле́но** кундаро зада шикастан 5. *прост.* сахт буридан, сахт маҷрӯҳ (ярадор) кардан; ~ **па́лец ножо́м** ангуштро бо корд сахт буридан

расса́дка *ж (по знач. гл.* **рассади́ть** 3) *разг.* кӯчат карда шинондан(и)

расса́дник *м* 1. *с.-х.* парвардахона, ниҳолхона, гулхона, парваришхона, ниҳолзор; **семенно́й** ~ хонаи тухмипарварӣ 2. *с.-х.* парваришгоҳ, ҷои наслгирӣ, ҷойҳои зотпарварӣ; ~ **племенно́го скота́** парваришгоҳи хайвоноти зотӣ 3. *перен.* манбаъ, сарчашма; ~ **зара́зы** манбаи сироят

расса́дный, -ая, -ое ...и кӯчат

расса́живание *с (по знач. гл.* **рассади́ть)** шинондан(и); кӯчатшинонӣ

расса́живать *несов. см.* **рассади́ть**

расса́живаться *несов.* 1. *см.* **рассе́сться 1**; 2. *страд.* ҷо ба ҷо карда шудан, шинонда шудан

расса́сывание *с (по знач. гл.* **рассоса́ть)** гардондан(и), нест кардан(и); *(по знач. гл.* **рассоса́ться)** гаштан(и), нест шудан(и); ~ **о́пухоли** гаштани варам

расса́сывать *несов. см.* **рассоса́ть**

расса́сываться *несов.* 1. *см.* **рассоса́ться**; 2. *страд.* гардонда шудан, нест карда шудан

рассве́рливать *несов. см.* **рассверли́ть**

рассве́рливаться *несов.* 1. *см.* **рассверли́ться**; 2. *страд.* парма карда шудан

рассверли́ть *сов. что* парма кардан, бо парма васеъ кардан; ~ **дыру́** сӯрохро бо парма васеъ кардан

рассверлиться *сов.* парма хурда ва-сеъ шудан

рассве||сти́ *сов. безл.* субҳ дамидан, саҳар шудан, руз шудан; **уже́ ~ло́** субҳ дамид, саҳар шуд, пагоҳ шуд

рассве́т *м* 1. субҳидам, саҳар, сапедадам; **пе́ред ~ом** қариби субҳ, дами саҳар; **до ~а** то саҳар, то субҳидам; **на ~е** саҳарӣ; **с ~ом** баробари дамидани субҳ 2. *перен.* ибтидо, аввал, оғоз

рассвета́ть *несов. см.* **рассвести**

рассве́тный, -ая, -ое ...и субҳ, ...и субҳидам, ...и саҳар

рассвирепе́||ть *сов.* дарғазаб (оташин) шудан, аз ғазаб девона шудан, пурхашм шудан; **ра́неный зверь ~л** даррандаи захмдор дар ғазаб шуд

рассвисте́ться *сов. разг.* бисьёр ҳуштак кашидан, ба ҳуштаккашӣ даромадан

рассев *м с.-х.* 1. *(по знач. гл.* **рассе́ять** 1) кишткунӣ, пошида коридан(и); **~ семя́н** коштани тухмӣ, тухмипошӣ 2. усули кишт, кишт; **хоро́ший ~** кишти хуб 3. *(машина)* тухмитозакунак, ғаллатозакунак

рассева́ть *несов. см.* **рассе́ять** 1

рассева́ться *несов. страд.* кошта шудан, пошида шудан

расседа́ться *несов. см.* **рассе́сться** 3

расседла́ть *сов. кого* зин гирифтан; **~ коня** зини аспро гирифтан

расседла́||ться *сов.* зини худро партофтан; **конь ~лся** асп зинашро партофт

рассёдлывать *несов. см.* **расседла́ть**

рассёдлываться *несов. см.* **расседла́ться**

рассе́ивание *с (по знач. гл.* **рассе́ять)** коштан(и), кишт кардан(и); суст (кам) кардан(и); пароканда (парешон) кардан(и); бартараф кардан(и); *(по знач. гл.* **рассе́яться)** суст(кам) шудан(и); пароканда (парешон) шудан(и); бартараф шудан(и); **~ семя́н** тухмипошӣ, пошидани тухмӣ; **~ зву́ков** пароканиши садо; **~ све́та** пароканиши рушноӣ

рассе́ивать *несов. см.* **рассе́ять**

рассе́иваться *несов.* 1. *см.* **рассе́яться;** 2. *страд.* кошта шудан, пошида (пароканда) шудан

рассека́тель *м тех.* нишонанда; **~ пла́мени** шуълашишон

рассека́ть *несов. см.* **рассе́чь**

рассека́ться *несов.* 1. *см.* **рассе́чься;** 2. *страд.* зада кафонда шудан, зада пора карда шудан

рассекре́тить *сов.* 1. *что* зоҳир (ошкор) кардан, маълум кардан, дастрас кардан 2. *кого разг.* аз корҳои махфӣ дур кардан

рассекре́чивать *несов. см.* **рассекре́тить**

рассекре́чиваться *несов. страд.* зоҳир (ошкор) карда шудан

расселе́ние *с (по знач. гл.* **рассели́ть)** шинондан(и), ҷойгир кардан(и), ҷо ба ҷо кардан(и); ҷудо-ҷудо шинондан(и); *(по знач. гл.* **рассели́ться)** ҷойгир шудан(и), сокиншавӣ; аз ҳамдигар ҷудо ҷой гирифтан(и)

рассе́лина *ж* тангно; **~ горы́** тангнои кӯҳ

рассели́ть *сов. кого-что* 1. шинондан, ҷойгир кардан, сокин кардан, ҷо ба ҷо кардан 2. ҷудо-ҷудо шинондан, аз ҳамдигар ҷудо ҷой гирондан

рассели́ться *сов.* 1. ҷойгир шудан, сокин шудан, ба ҳар куҷо ҷой гирифтан 2. аз ҳамдигар ҷудо ҷой гирифтан

расселя́ть *несов. см.* **рассели́ть**

расселя́ться *несов.* 1. *см.* **рассели́ться;** 2. *страд.* шинонда шудан, ҷойгир карда шудан

рассерди́ть *сов. кого* ранҷондан, оташин (хашмгин) кардан, ба ғазаб (ба қаҳр) овардан

рассерди́ться *сов. на кого-что и без доп.* ранҷидан, оташин (хашмгин) шудан, дар ғазаб шудан, қаҳр кардан

рассерча́ть *сов. прост. см.* **рассерди́ться**

рассе́||сться *сов.* 1. ҷо ба ҷо нишастан, ба ҷойҳои худ нишастан; **~сться по места́м** ба ҷойҳои худ нишастан 2. *разг. (сесть непринуждённо)* бемалол (баҳузур) нишастан 3. нишаста кафидан; **стена́ ~лась** девор нишаста кафид

рассече́ние *с (по знач. гл.* **рассе́чь)** зада кафондан(и), зада ҷудо кардан(и); чок кардан(и), буридан(и); **~ тру́па** ташреҳи мурда

рассе́чка *ж (по знач. гл.* **рассе́чь** 1) *разг.* зада кафондан(и), дунимакунӣ, дубулаккунӣ, зада пора кардан(и)

рассе́||чь *сов.* 1. *кого-что* зада кафондан, зада пора кардан, зада ҷудо кардан; **~чь ту́шу** тапаро зада пора кардан 2. *что* чок кардан, сахт буридан, зада ярадор кардан; **~чь па́лец топоро́м** ангуштро бо табар зада ярадор кардан 3. *что* буридан, бурида гузаштан; **река́ ~кла́ лес на две ча́сти** дарьё бешаро бурида гузаштааст; **парохо́д рассёк во́лны** киштӣ мавҷҳоро бурида гузашт

рассе́чься *сов.* дунима шудан, тақсим шудан, аз ҳам ҷудо шудан, ба қисмҳо ҷудо шудан

рассе́яние *с* 1. *(по знач. гл.* **рассе́ять** 3—5) суст (паст) кардан(и); парокандакунӣ, парешонкунӣ, паҳнкунӣ; *(по знач. гл.* **рассе́яться** 2—4) суст (паст) шудан(и); пароканиш; **~ све́та** пароканиши рушноӣ; **~ радиово́лн** пароканиши мавҷҳои радио 2. *уст.* парешонхотирӣ

рассе́янно *нареч.* парешонхотирона; **~ слу́шать** парешонхотирона гуш кардан

рассе́янност||ь *ж* 1. парешонхотирӣ, мушаввашхотирӣ; **сде́лать оши́бку в письме́ по ~и** аз парешонхотирӣ дар мактуб саҳв рафтан 2. парокандагӣ, парешонӣ; **~ь населе́ния** парокандагии аҳолӣ

рассе́янн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* пароканда (титу парешон) кардашуда, ба ҳар тараф рондашуда 2. *прил.* тунук, пароканда, парешон, сирак; **~ое населе́ние** аҳолии пароканда 3. *прил.* суст, паст, тунук; **~ый свет** шунах 4. *прил.* (рассеян, -на, -но) парешонхотир, бедиққат, хотирпарешон; **~ый учени́к** талабаи парешонхотир 5. *прил.* холабеғамона, бекоргард, беғамона; **~ый о́браз жи́зни** ҳаёти холабеғамона

рассе́ять *сов.* 1. *что* коштан, киштан, кишт кардан, пошидан, чошидан; **~ семена́** тухмӣ коштан 2. *что* ҷо ба ҷо кардан, дар ҳар ҷо ҷойгир кардан, паҳн кардан 3. *что* суст (кам) кардан, паст кардан, сабук кардан; **~ эне́ргию** қувваро суст кардан; **~ свет** равшаниро паст кардан 4. *кого-что* пароканда (парешон) кардан, ба ҳар тараф рондан; **~ неприя́теля** душманро пароканда кардан; **~ ту́чи** абрҳоро пароканда кардан 5. *что перен.* дур кардан, бартараф кардан, барҳам додан; **~ подозре́ния** шубҳаро бартараф кардан 6. *кого-что перен. (отвлечь)* андармон кардан, машғул кардан

рассе́я||ться *сов.* 1. ҷойгир шудан, дар ҳар ҷо ҷойгир шудан, паҳн шудан 2. суст (кам) шудан, паст шудан, пароканда (паҳн) шудан; **тума́н ~лся** туман пароканда шуд 3. *перен.* пароканда (парешон) шудан, ба ҳар тараф рафтан; **толпа́ ~лась** мардум пароканда шуд 4. *перен.* гузаштан, нест (бартараф) шудан; **~лись сомне́ния** шубҳаҳо бартараф шуданд 5. *перен.* сокул шудан; **ему́ ну́жно ~ться** вай бояд сокул шавад

рассиде́ться *сов. прост.* дер нишастан, бисьёр нишастан, нишаста мондан

расси́живаться *несов. см.* **рассиде́ться**

расска́з *м* 1. нақл, баён, баёнот; **прерва́ть че́й-л. ~** баёноти касеро қатъ кардан 2. *лит.* ҳикоя, ҳикоят; **сбо́рник ~ов** маҷмӯаи ҳикояҳо

рассказа́ть *сов. что и без доп.* ҳикоя (нақл) кардан, гуфтан, гуфта додан; **~ интере́сную исто́рию** воқеаи аҷиберо нақл кардан; **~ обо всём ви́денном** дар бораи ҳама чиз нақл кардан

расска́зец *м разг. уменьш. к* **расска́з** 2

расска́зчик *м* ноқил; гӯянда, ровӣ

расска́зчица *женск. к* **рассказчик**

расска́зывать *несов. см.* **рассказа́ть**

расска́зываться *несов. страд.* ҳикоя карда шудан

расскака́ться *сов. разг.* 1. *(разогнаться на скаку)* сахт тохтан, сахт давидан 2. *(увлечься скаканием)* ба тохт даромадан 3. *(в разные стороны)* ба ҳар тараф давидан (тохтан)

расслабева́ть *несов. см.* **расслабе́ть** *и* **рассла́бнуть**

расслабе́ть *сов. разг. см.* **рассла́бнуть**

рассла́би||ть *сов. кого-что* суст (беқувват) кардан, беҳолу бемадор кардан, заиф кардан; **боле́знь ~ла его́** касалӣ уро заиф кардааст

расслабле́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **рассла́бить)** сусткунӣ, беқувваткунӣ, бемадоркунӣ 2. беқувватӣ, бемадорӣ, заифӣ, сустӣ, беҳолӣ

расслабленность *ж* сустӣ, беқувватӣ, заифӣ, беҳолӣ, бемадорӣ

рассла́бленный, -ая, -ое 1. *прич.*

суст кардашуда 2. *прил.* сустшуда, бекувватшуда, беҳол, бемадор, заифшуда

расслабля́ть *несов. см.* **рассла́бить**

расслабля́ться *несов. страд.* суст (заиф) карда шудан

рассла́бнуть *сов. разг.* суст (бекувват) шудан, беҳолу бемадор шудан, заиф шудан

рассла́вить *сов.* 1. *кого-что уст. (расхвалить)* мадҳ кардан 2. *разг. что и без доп. (распустить слух)* овоза [паҳн] кардан, машҳур кардан

расславля́ть *несов. см.* **рассла́вить**

расславля́ться *несов. страд.* мадҳ шудан

рассла́ивание *с см.* **расслое́ние**

рассла́ивать *несов. см.* **расслои́ть**

рассла́иваться *несов.* 1. *см.* **расслои́ться;** 2. *страд.* ба қабатҳо ҷудо карда шудан, қабат-қабат (варақ-варақ) карда шудан

рассле́дование *с* 1. *(по знач. гл.* **рассле́довать)** тафтиш, таҳқиқ 2. тергав, таҳқиқ

рассле́довать *сов., несов. что* 1. *книжн.* тафтиш (таҳқиқ, тадқиқ) кардан; ~ **вопро́с** масъаларо тафтиш кардан 2. *(произвести следствие)* тергав (таҳқиқ) кардан

расслое́ние *с (по знач. гл.* **расслои́ть)** ба қабатҳо ҷудокунӣ, қабат-қабат (варақ-варақ) кардан(и); *(по знач. гл.* **расслои́ться)** ба қабатҳо ҷудошавӣ, қабат-қабат (варақ-варақ) шудан(и); ~ **сетчатки глаза** *мед.* ҷудо шудани пардаи шабакияи чашм

расслои́ть *сов. что* 1. ба қабатҳо (ба табақаҳо) ҷудо кардан, қабат-қабат (варақ-варақ) кардан; ~ **те́сто** хамирро варакин кардан 2. *перен.* ба хелҳо (ба навъҳо) ҷудо кардан, ба гуруҳҳо (ба табақаҳо) ҷудо кардан

расчека́нка *ж* (*по знач. гл.* **расчека́нить**) сикказанӣ

расчёркиваться *несов. см.* **расчеркну́ться**

расчеркну́ться *сов. разг.* бо як хаткашӣ (бо як қаламдавонӣ) имзо кардан

расчерти́ть *сов. что* рах-рах кардан, рах кашидан, хат кашидан; ~ **бума́гу** коғазро рах-рах кардан

расче́рчивать *несов. см.* **расчерти́ть**

расче́рчиваться *несов. страд.* хат кашида шудан, рах-рах карда шудан

расчеса́ть *сов.* 1. *кого-что* шона кардан; ~ **во́лосы** мӯйро шона кардан // *что* тор-тор кардан; ~ **шерсть** пашмро тор-тор кардан 2. *что* хоридан, харошидан, хорида-хорида пӯстро кандан (хун кардан); ~ **но́гу** пойро хорида-хорида хун кардан

расчеса́ться *сов. разг.* 1. шона кардан 2. худро харошида хун кардан

расчёска *ж разг.* 1. (*по знач. гл.* **расчеса́ть** 1) шонакунӣ, шоназанӣ; тор-торкунӣ; ~ **льна** тор-торкунии зағирпоя 2. шона

расче́сть *сов. разг. см.* **рассчита́ть** 1, 2

расче́сться *сов. разг. см.* **рассчита́ться** 1, 3

расчёсывание *с* (*по знач. гл.* **расчеса́ть**) шонакунӣ; тор-торкунӣ, хоридан(и), харошидаи(и)

расчёсывать *несов. см.* **расчеса́ть**

расчёсываться *несов.* 1. *см.* **расчеса́ться;** 2. *страд.* шона карда шудан, шона зада шудан

расчёт *м* 1. (*по знач. гл.* **рассчита́ть**) ҳисоб, ҳисобкунӣ; **оши́бка в** ~**е** саҳв дар ҳисоб 2. ҳисоббаробаркунӣ, адои қарз, пардохт, додан(и); **систе́ма взаи́мных** ~**ов** тартиби ҳисобу китоби тарафайн 3.: **дать** ~ ҳисобу китоб карда ҷавоб додан; **взять** ~ ҳисобу китоб карда ҷавоб гирифтан 4. *перен.* тахмин, пешбинӣ; ғараз, қасд, мақсад; **по мои́м** ~**ам рабо́та бу́дет зако́нчена ско́ро** аз рӯи тахмини ман кор ба наздикӣ тамом мешавад; ~**ы не оправда́лись** гапи хона ба бозор рост наомад; **я пришёл в** ~**е на твою́ по́мощь** ман ба умеди ёрдами ту шуда омадам 5. *разг.* фоида, манфиат; **нет** ~**а остава́ться здесь** дар ин ҷо мондан фоида надорад 6. сарфа, сарфакорӣ; **жить с** ~**ом** сарфакорона зиндагӣ кардан 7. *воен.* даста; **оруди́йный** ~ дастаи туп; **пулемётный** ~ дастаи пулемёт ◊ **в** ~**е с ке́м-л.** бо касе ҳисоб-баробар кард (кардам, карданд); **мы с ним в** ~**е** ҳисобу китоби мо бо вай баробар шуд; **в** ~**е на...** ба ҳисоби...; **в** ~**е на ду́шу населе́ния** ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ; **за нали́чный** ~ ба пули нақд; **из** ~**а** аз (ба) ҳисоби...; аз руи ҳисоби...; **из** ~**а сто рубле́й на челове́ка** аз рӯи ҳисоби ба сари ҳар кас садсумӣ; **приня́ть (взять) в** ~ **кого́-что́-л.** касеро, чизеро ба ҳисоб (ба назар) гирифтан

расчётливо *нареч.* сарфакорона, эҳтиёткорона, мулоҳизакорона

расчётливость *ж* сарфакорӣ; бомулоҳизагӣ, дурандешӣ

расчётливый, -ая, -ое (расчётлив, -а, -о) босарфа, сарфакор; боандеша, бомулоҳиза, дурандеш, эҳтиёткор(она), мулоҳизакор(она); ~ **хозя́ин** соҳибкори сарфакор; ~ **шаг** харакати (амали) дурандеш(она)

расчётн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҳисобу ҳисобкунӣ, ҳисобӣ, ҳисоббарор; ~**ая табли́ца** ҷадвали ҳисоб; ~**ая орби́та** мадори ҳисобӣ 2. *бухг.* ...и ҳисоб; ~**ая ве́домость** ведомости музди кор; ~**ая кни́жка** дафтари пардохт 3. *бухг.* ҳисоботӣ; ~**ый пери́од** давраи ҳисоботӣ 4. *тех.* ҳисобкунӣ, ...и ҳисоб; ~**ые вычисле́ния** натиҷаи ҳисоб

расчехли́ть *сов. что* аз ҷилд баровардан, аз лифофа баровардан, ҷилд кушодан; ~ **ору́дия** ҷилди тӯпро гирифтан

расчехля́ть *несов. см.* **расчехли́ть**

расчи́слить *сов. что разг.* ҳисоб кардан, аз руи ҳисоб тақсим намудан

расчисля́ть *несов. см.* **расчи́слить**

расчисля́ться *несов. страд.* ҳисоб карда шудан

расчи́стить *сов. что* 1. тоза (пок) кардан, рӯфтан; ~ **сад** боғро тоза кардан 2. *спец.* тоза (пок) карда васеъ кардан; ~ **пазы́** комаҳоро тоза карда васеъ кардан

расчи́сти||ться *сов.* тоза (пок) шудан; **не́бо** ~**лось** осмон [аз абрҳо] тоза шуд, ҳаво соф шуд

расчи́стка *ж* (*по знач. гл.* **расчи́стить**) тозакунӣ, поккунӣ, рӯфтан(и); ~ **доро́ги** тозакунии роҳ

расчиха́ться *сов. разг.* бисьёр атса задан, ба атсазанӣ даромадан

расчихво́стить *сов. кого-что прост.* калтаккорӣ кардан, лнкг аз осмон овардан // *перен.* мулзам кардан

расчища́ть *несов. см.* **расчи́стить**

расчища́ться *несов.* 1. *см.* **расчи́ститься;** 2. *страд.* тоза (пок) карда шудан

расчлене́ние *с* (*по знач. гл.* **расчлени́ть**) азҳамҷудокунӣ, ба қисмҳо (ба ҷузъҳо) ҷудокунӣ, бӯлак-бӯлаккунӣ

расчлени́ть *сов. что* аз ҳам ҷудо кардан; ба қисмҳо (ба ҷузъҳо) ҷудо кардан, бӯлак-бӯлак кардан; ~ **на составны́е ча́сти** ба қисмҳои таркибӣ тақсим намудан

расчленя́ть *несов. см.* **расчлени́ть**

расчленя́ться *несов. страд.* аз ҳам ҷудо карда шудан, ба қисмҳо ҷудо карда шудан

расчу́вствоваться *сов. разг.* ба риққат омадан, мутаассир шудан

расчуде́сн||ый, -ая, -ое (расчуде́с|ен, -на, -но) *разг.* бисьёр ғалатӣ, бисьёр аҷиб, бисьёр нағз; ~**ая пого́да** ҳавои бисьёр нағз

расчу́хать *сов. что прост.* 1. бӯй карда фаҳмидан, чашида фаҳмидан 2. *перен.* фаҳмидан, донистан

расшали́||ться *сов.* саргарми шухию бозӣ шудан; **де́ти** ~**лись** кудакон саргарми шухию бозӣ шуданд

расша́ркаться *сов.* 1. пошна ба ҳам зада таъзим кардан 2. *перен. разг.* хушомад задан

расша́ркиваться *несов. см.* **расша́ркаться**

расша́танность *ж* шалақ будан(и); ~ **не́рвной систе́мы** шалақ будани асабҳо

расша́тани||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷунбонак (лиққонак) кардашуда 2. *прил.* ҷунбонак, лиққонак, суст, шалақ; ~**ое колесо́** чархи шалақ 3. *прил.* хароб; суст, заиф; ~**ое хозя́йство** хоҷагии хароб; ~**ое здоро́вье** касалмандӣ

расшата́ть *сов. что* 1. ҷунбонак (лиққонак) кардан, ҷунбонда суст кардан; ~ **столб** сутунро лиққонак кардан 2. *перен.* суст кардан, заиф гардонидан, вайрон (хароб) кардан; ~ **хозя́йство** хоҷагиро вайрон кардан; ~ **здоро́вье** саломатиро хароб кардан

расшата́||ться *сов.* 1. ҷунбонак (лиққонак) шудан, ҷунбида-ҷунбида суст шудан; **зу́бы** ~**лись** дандонҳо лиққонак шудаанд 2. *перен.* суст (беҷо, хароб, вайрон) шудан; **дисципли́на** ~**лась** интизом суст шудааст; **здоро́вье** ~**лось** саломатӣ вайрон шудааст

расша́тывать *несов. см.* **расшата́ть**

расша́тываться *несов.* 1. *см.* **расшата́ться;** 2. *страд.* ҷунбонак (лиққонак) карда шудан

расшы́ривать *несов. см.* **расшыря́ть**

расшы́риваться *несов. страд.* ба ҳар тараф ҳаво дода шудан

расшыря́ть *сов. разг.* 1. *что* ба ҳар тараф ҳаво додан, ба ҳар тараф партофтан (афкандан); ~ **бума́ги** коғазҳоро ба ҳар тараф партофтан // *кого* ба ҳар тараф тела додан 2. исроф кардан, нобуд (талаф) кардан, беҳуда харҷ (хароҷот) кардан; ~ **де́ньги** пулро беҳуда харҷ кардан

расшеве́ливать *несов. см.* **расшевели́ть**

расшеве́ливаться *несов.* 1. *см.* **расшевели́ться;** 2. *страд.* ҷунбонда шудан

расшевели́ть *сов. кого-что* 1. ҷунбондан, ҷунбонида ба ҳаракат овардан; ~ **спя́щего** одами хобидаро ҷунбонида бедор кардан 2. *перен.* ба ҳаракат овардан, ба ҷунбиш овардан (даровардан); **на́до его́** ~ ӯро ба ҳаракат овардан лозим

расшевели́ться *сов. разг.* 1. ба ҷунбиш омадан, ба ҳаракат даромадан 2. *перен.* фаъол шудан, серғайрат (серҳаракат) шудан

расшиба́ть *несов. см.* **расшиби́ть**

расшиба́ться *несов.* 1. *см.* **расшиби́ться**; 2. *страд.* зада шудан

расшиби́ть *сов. что разг.* 1. задан, куфтан, зада озурда кардан; ~ **нос** биниро зада озурда кардан 2. зада шикастан (кафондан); ~ **в щепы** зада майда-майда кардан

расшиби́ться *сов. разг.* сахт лат хурдан, куфта шудан, зарба хурда озурда шудан; **мальчик упа́л и расши́бся** писарбача афтида сахт лат хурд ◇ ~ **в лепёшку** ҷон коҳондан

расши́ва *ж уст. мор.* киштӣ, заврақ

расшива́ние *с* (*по знач. гл.* **расши́ть** 1, 2) чокканӣ, кукканӣ, бахьяканӣ; гулдузӣ, кашидадузӣ

расшива́ть *несов. см.* **расши́ть**

расшива́ться *несов.* 1. *см.* **расши́ться**; 2. *страд.* гулдузӣ карда шудан

расши́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **расши́ть**) чокканӣ, кукканӣ, бахьяканӣ; тозакунӣ, суфта кардан(и) 2. гулдузӣ

расшивн||о́й, -а́я, -о́е ...и гулдузӣ; ~**а́я руба́шка** куртаи гулдузӣ

расшире́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **расши́рить**) васеъкунӣ, фарохкунӣ, кушодкунӣ; зиёдкунӣ; (*по знач. гл.* **расши́риться**) васеъшавӣ, фарохшавӣ, кушодшавӣ; зиёдшавӣ; ~ **посевны́х площаде́й** васеъкунии майдонҳои кишт; ~ **се́ти школ** зиёдкунии адади мактабҳо; ~ **торго́вли** вусъатдиҳии савдо; ~ **се́рдца** *мед.* варами дил 2. даҳана; **труба́ с** ~**м** қубурн даҳанадор

расши́ренн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* васеъ кардашуда, фарох кардашуда, кушод кардашуда 2. *прил.* васеъ, фарох, кушод; ~**ый пле́нум** пленуми васеъ 3. *прил.* муфассал; ~**ое толкова́ние зако́на** тафсири муфассали қонун

расшири́тель *м тех.* васеъкунанда, фарохкунанда, васеъкунак

расшири́тельный, -ая, -ое 1. *см.* **расши́ренный** 3; 2. васеъкунанда, фарохкунанда, кушодкунанда

расши́рить *сов. что* 1. васеътар (калонтар) кардан, фарохтар кардан, кушодтар кардан; ~ **отве́рстие** сурохро калонтар кардан; ~ **доро́гу** роҳро васеътар кардан 2. зиёд кардан, ривоҷ (вусъат) додан; ~ **произво́дство** истеҳсолотро вусъат додан 3. васеътар (чуқуртар, баландтар) кардан; ~ **сфе́ру влия́ния** доираи нуфузро васеътар кардан; ~ **кругозо́р** савияи донишро бардоштан

расши́ри||ться *сов.* 1. васеътар (калонтар, фарохтар, кушодтар) шудан; **зрачки́** ~**лись** гавҳаракҳои чашм васеътар шудаанд 2. зиёд шудан, ривоҷ ёфтан; **сеть куро́ртов** ~**лась** адади курортҳо зиёд шудааст 3. васеътар (чуқуртар, баландтар) шудан; **кругозо́р** ~**лся** савияи дониш баландтар шуд

расширя́емость *ж* қобилияти васеъшавӣ, васеъшавандагӣ, фарохшавандагӣ

расширя́ть *несов. см.* **расши́рить**

расширя́ться *несов.* 1. *см.* **расши́риться**; 2. *страд.* васеътар карда шудан, зиёд карда шудан

расши́т||ый, -ая, -ое 1. *прич.* чокаш кандашуда, чокканда, кукканда, бахьяканда 2. *прил.* гулдузӣ, гулдузӣ кардашуда; ~**ая руба́шка** куртаи гулдузӣ

расши́ть *сов. что* 1. чок (кук, бахья) кандан 2. гулдузӣ кардан, кашида дӯхтан; ~ **шёлком** бо абрешим гулдузӣ кардан 3. *тех.* тоза кардан, суфта (силиқ) кардан

расши́ться *сов. разг.* канда шудан, аз чок канда шудан

расшифрова́ть *сов. что* 1. рамз кушодан, навиштаҳои рамзиро хондан; ~ **секре́тные докуме́нты** рамзи ҳуҷҷатҳои махфиро кушодан 2. *перен. разг.* фаҳмидан, пай бурдан, сарфаҳм рафтан; ~ **та́йну** сирро фаҳмидан

расшифро́вка *ж* (*по знач. гл.* **расшифрова́ть**) рамзхонӣ; ~ **секре́тных докуме́нтов** кушодани рамзи ҳуҷҷатҳои махфӣ

расшифро́вщик *м* рамзкушо, рамзгар

расшифро́вывание *с см.* **расшифро́вка**

расшифро́вывать *несов. см.* **расшифрова́ть**

расшифро́вываться *несов. страд.* рамз кушода шудан

расшлихтова́ть *сов. что* беоҳор кардан, оҳорро равондан

расшлихто́вка *ж* (*по знач. гл.* **расшлихтова́ть**) беоҳоркунӣ, оҳорравонӣ; ~ **пря́жи** беоҳоркунии ресмон

расшлихто́вывать *несов. см.* **расшлихтова́ть**

расшлихто́вываться *несов. страд.* беоҳор карда шудан

расшнурова́ть *сов. что* банд (ресмон) кушодан; ~ **боти́нки** банди ботинкаро кушодан

расшнурова́||ться *сов.* 1. кушода шудан; **ту́фли** ~**лись** банди туфлӣ кушода шуд 2. банди либосро кушодан, камарчаи худро кушодан

расшнуро́вывать *несов. см.* **расшнуровать**

расшнуро́вываться *несов.* 1. *см.* **расшнурова́ться**; 2. *страд.* кушода шудан

расшуме́||ться *сов.* 1. шавқун бардоштан, ғалоғула сар кардан, мағал бардоштан; **де́ти** ~**лись** бачаҳо шавқун бардоштанд 2. ҷанҷол сар кардан, мунокиша (низоъ) кардан; ~**ться из-за пустяко́в** ба дупула чиз мағал бардоштан

расшути́ться *сов. разг.* ба ҳазлу шухӣ даромадан, бисьёр ҳазлбозӣ кардан

расщебе́нивать *несов. см.* **расщебени́ть**

расщебени́ть *сов. стр.* шағал (сангреза) андохтан

расщёдриваться *несов. см.* **расщёдриться**

расщёдриться *сов. разг.* сахӣ шудан, сахигӣ кардан, олиҳиммат шудан, кушодадаст шудан

расще́лина *ж* 1. (*ущелье*) тангно 2. (*трещина*) ҷон кафида, таркиш, шикоф

расщёлкать *сов.* 1. *разг. что* қарс-қарс шикастан, зада кафондан, шикаста майда кардан; ~ **оре́хи** чормағзро қарс-қарс шикастан 2. *кого перен. прост.* куфтан, зарба додан; сахт танқид кардан, танбеҳ кардан

расщёлкаться *сов.* ба чириқ-чириқ даромадан, чириққос задан, бисьёр чириқ-чириқ кардан

расщёлкивать *несов. см.* **расщёлкать** *и* **расщёлкнуть**

расщёлкиваться *несов. страд.* шикаста майда карда шудан

расщёлкнуть *сов. что разг.* шикастан, зада кафондан, шикаста майда кардан; ~ **оре́х** чормағзро шикастан

расщеми́ть *сов. что разг.* кушодан, яла (во) кардан; ~ **клещи** анбурро кушодан

расщемля́ть *несов. см.* **расщеми́ть**

расщемля́ться *несов. страд.* кушода шудан

расщёп *м* ҷои кафондашуда, чок; **перо с** ~**ом** пари чокдор

расщепа́ть *сов. что разг.* параха кардан, пора-пора (реза-реза) кардан

расщепи́ть *сов. что* 1. кафондан, чок кардан; ~ **де́рево** чубро кафондан // (*раздробить в щепы*) параха кардан, пора-пора (реза-реза) кардан 2. ба қисмҳо ҷудо кардан, тор-тор кардан; ~ **воло́кна** лифро тор-тор кардан 3. *хим.*, *физ.* таҷзия кардан; ~ **а́том** атомро таҷзия кардан

расщепи́||ться *сов.* 1. кафидан, чок шудан; **доска́** ~**лась** тахта кафид 2. (*раздробиться*) ба қисмҳо ҷудо шудан, тор-тор шудан 3. *хим.*, *физ.* таҷзия шудан

расщепле́ние *с* (*по знач. гл.* **расщепи́ть**) кафониш, чоккунӣ, парахакунӣ; таҷзиякунӣ; (*по знач. гл.* **расщепи́ться**) кафидан(и), чок шудан(и); параха шудан(и); таҷзия; ~ **а́томного ядра́** таҷзияи ядрои атом

расщепля́ть *несов. см.* **расщепи́ть**

расщепля́ться *несов.* 1. *см.* **расщепи́ться**; 2. *страд.* кафонда шудан, ба қисмҳо ҷудо карда шудан

расщипа́ть *сов. что* тит (тор-тор) кардан, ришта-ришта кардан; ~ **шерсть** пашмро тит кардан

расщи́пывать *несов. см.* **расщипа́ть**

расщи́пываться *несов. страд.* тит (тор-тор) карда шудан

ра́тай *м уст.* хокпош, зореъ

рати́н *м текст.* ратин (*матои пашмини патдор*)

ратини́рование *с* (*по знач. гл.* **ратини́ровать**) патбарорӣ; ~ **тка́ни** патбарории матоъ

ратини́ровать *сов. и несов. что текст.* пат баровардан

ратини́роваться *несов. страд.* пат бароварда шудан

рати́нов||ый, -ая, -ое ...и ратин, ратинӣ; ~**ое пальто́** пальтои ратин

ратификацио́нн||ый, -ая, -ое ...и тасдиқ; ~**ая гра́мота** шаҳодати тасдиқ; ҳуҷҷати тасдиқ

ратифика́ция *ж* тасдиқ кардан(и); ~ **догово́ра о торго́вле** тасдиқ кардани муоҳидаи тиҷорат

ратифици́рование *с* (*по знач. гл.* **ратифицировать**) тасдиқ карда шудан(и)

ратифици́ровать *сов. и несов. что* тасдиқ кардан; ~ **догово́р** муоҳидаро тасдиқ кардан

ратифици́роваться *несов. страд.* тасдиқ шудан

ра́тман *м ист.* ратман (*аъзои маъмурияти шаҳр дар Россияи пеш аз революция*)

ра́тник *м* 1. *уст. и высок.* размафкан, размсоз, размюз 2. *ист.* сарбоз, сипоҳӣ

ра́тный, -ая, -ое *уст. и высок.* ҷангӣ, размӣ, набардӣ; ~ **по́двиг** корнамоии ҷангӣ

ратобо́рец *м уст. и высок.* размюз, набардӣ, фидокор; ~ **и́стины** фидокори роҳи ҳақ

ратобо́рство *с несов. уст. и высок.* разм, набард

ратобо́рствовать *несов. уст. и высок.* разм (набард) кардан

ратовать *несов. за кого-что, против кого-чего* 1. *уст., высок.* (*воевать*) набардидан, ҳарб задан 2. *книжн.* (*бороться*) муборазат кардан

ра́туша *ж* ратуша (1. *ист. маъмурияти шаҳр дар Россияи асри 18 ва аввали асри 19*; 2. *дар баъзе мамлакатҳои Европа — бинои маъмурияти шаҳр*)

рать *ж* 1. *уст.* корзор, муҳориба 2. *уст. поэт.* лашкар

ра́унд *м спорт.* пайт, давр

ра́ут *м* базм, зиёфат

рафина́д *м* рафинад, қанди мошин

рафина́дный, -ая, -ое ...и рафинад, ...и қанди мошин

рафинёр *м спец.* чубгардкунак (*мошинест дар истеҳсолоти коғазбарорӣ*)

рафиниёрн||ый, -ая, -ое *спец.* 1. тозакунак, софкунак, ...и софкорӣ; ~**ый цех** цехи софкорӣ 2. соф карда мешудагӣ, тоза карда мешудагӣ; ~**ая ма́сса** хамираи соф карда мешудагӣ

рафини́рование *с* (*по знач. гл.* **рафини́ровать**) тозакунӣ, софкунӣ, софкорӣ; ~ **са́хара** тозакунии қанд, софкории қанд

рафини́рованность *ж* нозуки

рафини́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* тоза кардашуда 2. *прил. спец.* пок; ~**ое ма́сло** равғани пок 3. *прил. перен.* нозук; ~**ый вкус** табъи нозук

рафини́ровать *сов. и несов. что* тоза (софкорӣ) кардан, аз омехтагиҳо тоза кардан; ~ **нефть** нафтро тоза кардан; ~ **са́хар** қандро тоза кардан

рафиниро́вочный, -ая, -ое *спец.* ...и тоза мекардагӣ, ...и соф мекардагӣ, ...и софкорӣ

раха́т-луку́м *м* луқмаи роҳат, роҳати-луқум (*як нав ҳалво*)

рахи́т *м мед.* рахит, чиллаашур

рахити́зм *м* рахитизм

рахи́тик *м разг.* гирифтори касалии рахит

рахити́ческ||ий, -ая, -ое *см.* **рахити́чный**

рахити́чность *ж* рахитдор будан(и)

рахити́чный, -ая, -ое (рахити́ч|ен, -на, -но) рахитдор; ~ **ребёнок** кудаки чиллаашур // *перен.* заиф, суст

раце́я *ж уст. разг.* панди дилбазан

рацио́н *м* вояи хурок, паёк // рацион, ем; **су́точный** ~ **кормле́ния живо́тных** еми якшабонаруза

рационализа́тор *м* рационализатор

рационализа́торск||ий, -ая,-ое рационализаторӣ, ...и шахси рационализациякунанда; ~**ое предложе́ние** таклифи рационализаторӣ

рационализа́торство *с* рационализаторчигӣ, фаъолияти рационализатор

рационализа́ция *ж* рационализация, такмил; ~ **проце́ссов произво́дства** такмили процессҳои истеҳсолот

рационализи́ровать *сов. и несов. что* рационализация кардан, такмил додан; ~ **проце́ссы обрабо́тки дета́лей** процесси коркарди детальҳоро такмил додан

рационализи́роваться *несов. страд.* рационализация карда шудан

рационали́зм *м* 1. *филос.* рационализм 2. *книжн.* мулоҳизакорӣ

рационализова́ть(ся) *см.* **рационализи́ровать(ся)**

рационали́ст *м* 1. пайрави рационализм 2. одами мулоҳизакор

рационалисти́ческий, -ая, -ое 1. ...и рационализм, рационалисти 2. мулоҳизакорона, ақлона

рационалисти́чность *ж* мулоҳизакорӣ

рационалисти́чный, -ая, -ое (рационалисти́ч|ен, -на, -но) *см.* **рационалисти́ческий** 2

рациона́льно *нареч.* оқилона, дуруст, сарфакорона; ~ **испо́льзовать сре́дства** маблағҳоро дуруст истифода бурдан

рациона́льность *ж* 1. ақлона будан(и) маъқулӣ 2. *мат.* рационалӣ будан(и)

рациона́льн||ый, -ая, -ое (рациона́|лен, -льна, -льно) 1. *филос.* ...и рационализм 2. оқилона, маъқул, дуруст, сарфакорона; ~**ое предложе́ние** таклифи оқилона; ~**ое испо́льзование рабо́чей си́лы** дуруст истифода кардани қувваи коргарӣ 3. *тк. полн. ф. мат.* ~**ые чи́сла** ададҳои рационалӣ

рациони́рование *с* (*по знач. гл.* **рациони́ровать**) воясозӣ кардан(и), ба вояҳо тақсим кардан(и)

рациони́ровать *сов., несов. что* воясозӣ кардан, ба вояҳо тақсим кардан

ра́ция *ж* рация, станцияи радио (*одатан сайёр*)

раче́ние *с уст. книжн.* эҳтимом

ра́ч||ий, -ья, -ье ...и харчанг ◇ ~**ьи глаза́** чашмҳои аз косахонааш баромадагӣ

рачи́тель *м уст. книжн.* соҳибэҳтимом

рачи́тельница *женск. к* **рачи́тель**

рачи́тельность *ж уст. книжн.* эҳтимом; **проявля́ть** ~ эҳтимом кардан

рачи́тельный, -ая, -ое (рачи́те|лен, -льна, -льно) *уст. книжн.* соҳибэҳтимом

ра́шкуль *м спец.* ангиштқалам

ра́шпиль *м тех.* суҳон

ращéни||е *с* (*по знач. гл.* **расти́ть**) калонкунӣ, расондан(и), сабзондан(и), парваришкунӣ; **сре́дство для** ~**я воло́с** доруи дарозкунии мӯй

рвану́||ть *сов.* 1. *кого-что и без доп.* сахт кашидан, якбора кашидан, кашида гирифтан; ~**ть дверь** дарро сахт кашида кушодан 2. якбора тохтан, якбора (нохост) ҳаракат кардан; **ло́шади** ~**ли** аспҳо якбора ҳаракат карданд 3. (*о ветре*) сахт вазидан, якбора хестан; (*о взрыве, ударе грома и т. п.*) таркидан, сахт гулдуррос задан; **ве́тер** ~**л** шамол сахт вазид 4. *прост.* (*отправиться*) равона шудан, рафтан, ба ҳаракат даромадан, раҳсипор шудан, ба роҳ даромадан 5. *что прост.* (*получить незаконно*) ғайриқонунӣ (ҳаром) ба даст даровардан; ~**ть изря́дный куш** бо роҳи ҳаром маблағи калонро ба даст даровардан

рвану́ться *сов. разг.* якбора (нохост) ҳаракат кардан, якбора тохтан; ~ **вперёд** якбора ба пеш рафтан; ~ **с ме́ста** якбора аз ҷои худ ҷаҳида тохтан

рва́н||ый, -ая, -ое 1. дарида, даридагӣ, кандашуда, порашуда; ~**ый про́вод** сими кандашуда 2. дарида, пора-пора; ~**ый рука́в** остини дарида; ~**ые сапоги́** музаи дарида 3. дарида; ~**ая ра́на** ҷароҳати дарида

рвань *ж* 1. *тж. собир. разг.* (*рваное платье, обувь и т. п.*) ҷулхундӣ 2. *тж. собир. прост.* (*оборванцы*) ҷулхундипӯшҳо 3. *собир. спец.* риштапора

рваньё *с разг.* 1. (*по знач. гл.* **рвать** 1) кашидагирӣ, чанг зада гирифтан(и) 2. *см.* **рвань** 1

рвать I *несов.* 1. *что* кашида гирифтан, чанг зада гирифтан, кандан, решакан кардан, кашидан; ~ **из рук** аз даст кашида гирифтан; ~ **зу́бы** дандонҳоро кандан; **бу́ря рвёт дере́вья с ко́рнем** бурон дарахтҳоро решакан мекунад 2. *что* кандан; ~ **цветы́** гул кандан 3. *кого-что* даррондан, пора кардан, кандан; ~ **пла́тье** куртаро даррондан; ~ **на кло́чки** пора-пора кардан 4. *что перен.* қатъ кардан, кандан; ~ **отноше́ния** алоқаро кандан 5. *что разг.* кафондан, таркондан; ~ **динами́том скалу́** харсангро бо динамит таркондан 6. *безл. прост.* дард кардан; **па́лец рвёт** ангушт дард мекунад 7. *что прост.* (*приобретать незаконно*) ғайриқонунӣ (бо роҳи ҳаром) ба даст даровардан, пора гирифтан ◇ ~ **го́рло (гло́тку)** гулу даррондан; ~ **и мета́ть** бисьёр оташин шудан; ~ **на себе́ во́лосы** муйканону руйканон шудан; ~ **на ча́сти кого́-л.** касеро бисьёр ташвиш додан; **на ходу́ подмётки рвёт** аз чашм сурмаро мезанад; аз даҳон сақича мегирад; **с рука́ми** ~ талошкунон харидан

рвать II *несов. безл. кого разг.* қай

кардан, партофтан; **его рвёт** у қай мекунад

рва́ться *несов.* 1. даридан, (пора, канда) шудан; **платье рвётся** курта дарида истодааст 2. *перен.* қатъ (канда, бурида) шудан 3. кафидан, таркидан; **рвутся снаряды** тирҳои туп метарканд 4. бо зурӣ халос шудан; **собака рвётся на цепи** саг бо зурӣ аз занҷир худро халос карданӣ мешуд 5. *перен.* майл кардан, иштиёқ доштан; ~ **в бой** ба ҷанг ҷидду ҷаҳд кардан; **я рвусь увидеть вас** ман иштиёқи шуморо дидан дорам 6. *страд.* канда шудан; дарронда шудан; қатъ карда шудан; кафонда (тарконда) шудан; ғайриконунӣ ба даст даровaрда шудан

рвач *м разг.* қаллоб

рва́ческий, -ая, -ое *разг.* .. и қаллоб, ...и қаллобӣ

рва́чество *с разг.* қаллобӣ; **борьба с ~м** мубориза ба муқобили қаллобӣ

рве́ние *с* ғайрат, иштиёқ, саъю кӯшиш, ҷидду ҷаҳд, зурзанӣ; **работать с ~м** бо ғайрат кор кардан

рво́та *ж* 1. қайкунӣ, истифроғ, партофтан(и) 2. қай

рво́тн||ый, -ая, -ое 1. ...и қай, ...и қайкунӣ, қайовар; **~ое средство** доруи қайовар 2. *в знач. сущ. с* **рво́тное** *мед.* доруи қайовар

рдест *м бот.* туҳлаб, обсабзак

рде||ть *несов.* сурх (гулгун, лолагун) шудан; **~ет земляни́ка** тути заминӣ сурх шуда истодааст

рде́ться *несов. см.* **рдеть**

рдя́н||ый, -ая, -ое (рдян, -а, -о) сурх, гулгун, лолагун; **~ые ли́стья клёна** баргҳои сурхи дарахти заранг

ре *с нескл. муз.* ре *(овози дуюми гаммаи мусиқӣ ва нотаи он)*

ре- *приставка префиксест, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *гаравӣ ё такрорьёбии амал:* **ремилитаризация** ремилитаризация, аз нав мусаллаҳ кардан(и); 2) **реэкспо́рт** гашта овардани моли содирот

реабилита́ция *ж* 1. *юр.* сафедкунӣ 2. *мед.* офият; **трудова́я (профессиона́льная)** ~ офияти қобилияти меҳнат

реабилити́ровать *сов., несов. кого-что* 1. *юр.* сафед кардан 2. *мед.* офият додан

реабилити́роваться 1. *сов., несов.* худро сафед кардан 2. *несов. страд.* сафед карда шудан

реаги́рование *с (по знач. гл.* **реаги́ровать**) таассур, эътино кардан(и)

реаги́р||овать *несов.* 1. *на что* мутаассир шудан, эътино кардан; **зри́тельный нерв ~ует на свет** асаби босира ба равшанӣ эътино мекунад 2. *перен.* эътиво кардан; **он ни на что не ~ует** у ба чизе парвое намекунад 3. *хим.* таъсир кардан

реадапта́ци||я *ж (возвращение к земным условиям жизни)* навмуътодшавӣ; **период ~и** даврaи навмуътодшавӣ

реакти́в *м хим.* реактив; ~ **на аммиа́к** реактив барои аммиак

реакти́вность *ж* 1. *хим.* реактивият 2. *физиол.* қобилияти ангехт, ангехтпазирӣ

реакти́вн||ый, -ая, -ое 1. *хим.* ...и реактив, реактивӣ; **~ые вещества** моддаҳои реактивӣ 2. *физиол.* ...и ангехт; **~ое состояние** *мед.* ҳолати ангехт 3. *физ.* реактивӣ *(бо фишори пурзури газҳои сузишворӣ ҳаракаткунанда)*; **~ое сопротивле́ние** муқобилати реактивӣ; **~ый самолёт** самолёти реактивӣ; **~ые снаряды** снарядҳои реактивӣ; **~ая турбина** турбинаи реактивӣ; **~ая тя́га** кашиши реактивӣ

реа́ктор *м* реактор (1. *эл. ғалтаки индукционӣ, ки ҷараёни расиши кутоҳро кам мекунад* 2. *хим. дастгоҳи саноатии реакцияҳои химиявӣ* 3. *физ. дастгоҳи таҷзияи ядроҳои атом)*; **а́томный** ~ реактори атомӣ

реакционе́р *м* реакционер, иртиҷоъпараст

реакционе́рка *женск. к* **реакционер**

реакцио́нность *ж* реакционӣ будан(и), иртиҷоӣ будан(и); ~ **взглядов** реакционӣ будани ақидаҳо

реакцио́нн||ый, -ая, -ое (реакциóн|ен, -на, -но) реакционӣ, иртиҷоӣ; **~ая тео́рия** назарияи реакционӣ

реа́кция I *ж* 1. аксуламал 2. *биол.* таассур; ~ **органи́зма на переме́ну кли́мата** таассури организм ба дигаргашавии боду ҳаво 3. беҳолшавӣ 4. *хим.* реакция *(процесси дигаргун шудани моддаҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар таъсиркунии онҳо)*

реа́кция II *ж полит.* реакция, иртиҷоъ

реа́л I *м уст.* реал *(тангаи қадими нуқрагини Испания, Португалия ва Бразилия)*

реа́л II *м полигр.* реал, столи ҳарфчинӣ

реализа́ция *ж* 1. иҷрокунӣ, амаликунӣ, баамалбарорӣ, бавуҷудоварӣ; ~ **плана** баамалбарории план 2. фурухтан(и), фурухташавӣ, ба пул мубаддал кардан(и); ~ **проду́кции** фурухташавии молумулк

реали́зм *м* 1. ҳақиқатнигорӣ, мулоҳизакорӣ, дурандешӣ; ~ **в плани́ровании** мулоҳизакорона тартиб дода ни нақшаҳо 2. реализм *(усули дарки бадеии воқеият ва ҳаққонӣ тасвир кардани он)*; ~ **Айни́** реализми эҷодиёти Айнӣ; **крити́ческий** ~ реализми танқидӣ; **социалисти́ческий** ~ реализми социалистӣ

реализова́ть *сов., несов. что* 1. иҷро (амалӣ) кардан, ба амал баровардан, ба вуҷуд овардан; ~ **предложе́ние** таклифро иҷро кардан 2. фурухтан, пул кардан, ба пул мубаддал кардан; ~ **това́р** молро фурухтан, молро пул кардан

реализова́||ться 1. *сов., несов.* иҷро (амалӣ) шудан, ба амал баромадан; **предложе́ние ~лось** таклиф амалӣ шуд 2. *сов., несов. (обратиться в деньги)* фурухта шудан, ба пул мубаддал шудан, пул шудан 3. *несов. страд.* иҷро карда шудан; фурухта шудан

реали́ст *м* 1. реалист, мулоҳизакор 2. *лит., иск.* реалист, пайрави реализм 3. талабаи омузишгоҳи реалӣ

реалисти́чески *нареч.* дурандешона; ~ **мы́слить** дурандешона фикр кардан

реалисти́ческ||ий, -ая, -ое 1. дурандешона, мулоҳизакорона, таҷрибакорона; **~ая поли́тика** сиёсати дурандешона; **~ое отноше́ние к жизни** муносибати мулоҳизакорона ба ҳаёт 2. *лит., иск.* реалистӣ; **~ое направле́ние в иску́сстве** ҷараёни реалистӣ дар санъат; **~ий рома́н** романи реалистӣ

реалисти́чность *ж* мулоҳизакорӣ

реалисти́чный, -ая, -ое (реалисти́ч|ен, -на, -но) *см.* **реалисти́ческий**

реа́льно *нареч.* ҳақиқӣ, рост, шуданӣ, қобили иҷро; **это вполне́** ~ ин комилан қобили иҷро аст

реа́льность *ж* 1. амалӣ будан(и), ҳақиқӣ будан(и); ~ **предложе́ния** амалӣ будани таклиф 2. ҳақиқат, амри воқеъ, факт; **э́то не мечта, а** ~ ин хаёл не, балки амри воқеъ аст, ин хаёл не — ҳақиқат аст

реа́льн||ый, -ая, -ое (реа́|лен, -льна, -льно) 1. ҳақиқӣ, воқеӣ; **~ая действи́тельность** воқеияти ҳақиқӣ; **~ые права́ и свобо́ды гра́ждан в СССР** ҳуқуқ ва озодиҳои ҳақиқии гражданҳо дар СССР 2. амалӣ, ҳақиқӣ, иҷрошаванда; **~ый план** плани амалӣ 3. мулоҳизакорона, таҷрибакорона; **~ый взгляд на жизнь** нуқтаи назари таҷрибакорона ба ҳаёт ◇ **~ая за́работная пла́та** *эк.* музди реалии меҳнат; **~ое учи́лище** *ист.* омузишгоҳи реалӣ *(дар Россияи тореволюционӣ мактаби миёна, ки дар он бештар математика ва фанҳои доир ба табиатро меомухтанд)*

ребёнок *м* кудак, бача, тифл; **грудно́й** ~ бачаи ширмак (ширхӯр)

рёберн||ый, -ая, -ое ...и қабурға; **~ые мы́шцы** мушакҳои қабурға; **~ые ко́сти** устухонҳои қабурға

ребо́рд||а *ж тех.* комаи чарх; **колёса ~ой** чархи комадор

ребри́ст||ый, -ая, -ое (ребри́ст, -а, -о) 1. қабурғадор, қабурғапаҳн 2. теғанок, қиррадор, қирранок; **~ая пове́рхность** сатҳи қиррадор

ребро́ *с* 1. *анат.* қабурға; **так похуде́л, что рёбра торча́т** чунон хароб шудааст, ки қабурғаҳояш менамояд 2. зилъ, паҳлу, теғa, қирра; ~ **доски́** қирраи тахта; ~ **я́щика** қирраи қуттӣ 3. *мат.* руя; ~ **многогра́нника** қирраи бисьёрруя ◇ **поста́вить вопро́с ~м** масъаларо қатъӣ гузоштан; **пересчита́ть рёбра кому́-л.** *прост.* касеро хармурд кардан

рёбрышко *с уменьш.-ласк. к* **ребро́**

ре́бус *м* 1. ребус *(чистоне, ки калима ва ҷумлаҳои он бо расм ва ҳарфу аломатҳо ифода карда мешаванд)* 2. *перен.* муаммо

ребя́та *мн.* 1. *см.* **ребёнок**; 2. *разг.* бачагон, ҷавонон, йигитҳо; **сла́вные** ~ ҷавонони хуб

ребятёнок *м прост.* кудак, бачек

ребяти́шк||и *мн. разг. уменьш.-ласк. к* **ребята** 1; **~ам на молочи́шко** *прост.* чойпулӣ

ребятки *мн. уменьш.-ласк. к* **ребята**
ребятня *ж собир. прост.* бачаҳо, кудакҳо
ребятушки *мн. прост. ласк. к* **ребята**
ребяческ||ий -ая, -ое 1. бачагона, кудакона, ...и бача, ...и кудак; **~ие проделки** кирдори бачагона 2. *перен.* хом, бачагона; **~ие суждения** мулоҳизаҳои хом
ребячество *с* 1. *уст.* туфуллият 2. беақлӣ, бачагӣ, кудакӣ; **думать так было бы ~м** ин хел фикр кардан бачагӣ мешуд ◇ **впасть в ~** бачагӣ кардан, бачавор рафтор кардан
ребячий, -ья, -ье *разг.* 1. бачагона, кудакона 2. *перен.* кудаквор
ребячиться *несов. разг.* бачагӣ (шӯхӣ) кардан; **перестань ~** бачагӣ накун!
ребячливость *ж разг.* бачагӣ, кудакӣ, рафтори бачагона
ребячливый, -ая, -ое (ребячлив, -а, -о) *разг.* бачагона, шух
рёв *м* 1. наъра, гурриш; ғуввос, ғуррос, ғулғула, ғавғо; **~ зверей** наъраи даррандагон; **~ мотора** ғуввоси мотор; **~ толпы** ғавғои мардум 2. *разг.* гирьяву нола, доду фиғон, доду фарьёд, аррос; **ребёнок поднял ~** бача доду фарьёд бардошт
рёва *м, ж разг.* гирьёнчак, арросӣ
реванш *м* қасос, интиқом; сабқат; **взять ~** қасос гирифтан
реваншизм *м полит.* никорталабӣ *(сиёсати доираҳои таҷовузкори мамликате, ки дар ҷанг шикаст хурдааст ва ба ҷанги нав тайёр мешавад)*
реваншировать *сов., несов.* қасос (никор) гирифтан
реваншист *м полит.* никорталаб
реваншистск||ий, -ая, -ое никорталабона; **~ие настроения** руҳияи никорталабона
реваншный, -ая, -ое ...и қасосгирӣ
ревен||ь *м бот.* ревоч, чукрӣ; **кисель из ~я** полудаи ревоч
реверанс *м* 1. таъзимкунӣ 2. *чаще мн.* **реверансы** *перен. ирон.* чоплусӣ; **делать ~ы** чоплусӣ намудан
реверс *м* 1. реверс *(тарафи чаппаи медаль ва танга)* 2. *эк., ком.* кафолатхат 3. *тех.* реверс *(механизми мошинро ақиб гардонанда)*
реверсивный, -ая, -ое *тех.* реверсӣ, реверскунанда
реверсирование *с тех.* реверс кардан(и)
реверсия *ж* 1. *(атавизм)* атавизм 2. *тех.* ақиб ҳаракат кунондани қисмҳои механизм 3. *юр.* реверсия *(ба соҳиби пештараан гардондани молу мулк)*
реверсор *м тех.* реверсор *(калиди электрики, ки бо он самти гардиши қисмҳои муҳаррик дигар карда мешавад)*
реветь *несов.* 1. *(о животных)* наъра кашидан, ғурридан, дод задан 2. *перен.* ғунгос (ғуввос, ғуррос) задан; **вьюга ревёт** бурон ғуррос мезанад 3. *разг.* гирьяву нола кардан, доду фарьёд кардан, сахт гиристан, аррос задан; **~ белугой** девонавор дод гуфтан; **ревмя ~** *прост.* доду фарьёд кардан
ревизионизм *м* 1. *полит.* ревизионизм *(амали зиддиилмии азнавтафтишкунии нуктаҳои марксизм; равияи оппортунистиест дар дохили ҳаракати коргарии революционӣ)* 2. тафтишкунӣ, азнавдидабарорӣ
ревизионист *м* ревизионист, пайрави ревизионизм
ревизионистск||ий, -ая, -ое ревизионистӣ, ...и ревизионизм; **~ие концепции** ақидаҳои ревизионистӣ
ревизионн||ый, -ая, -ое ревизионӣ, ...и тафтиш(от); **~ая комиссия** комиссияи тафтиш
ревизи||я *ж* 1. ревизия, тафтиш; **сделать ~ю** ревизия кардан; **приступить к ~и** ба тафтиш шуруъ кардан 2. ревизия, тафтиш 3. *ист.* ревизия *(ба руйхатгирии аҳолии Россия дар асрҳои 18—19 барои ҳисобот ва ҳисобкунии андози сарона)*
ревизовать *сов., несов.* 1. *кого-что* ревизия (тафтиш) кардан; **~ кассовую отчётность** ҳисоботи кассаро тафтиш кардан 2. *что* ревизия кардан
ревизор *м* 1. ревизор, муфаттиш 2. *ж.-д. (контролёр)* назоратчии роҳи оҳан
ревизорский, -ая, -ое ...и ревизор
ревизск||ий, -ая, -ое *ист.* ...и ревизия; *см.* **ревизия** 3 ◇ **~ая душа** *ист.* шахсе, ки ба руйхати табақаҳои андоздиҳанда дохил карда шудааст; **~ая сказка** *ист.* руйхати табақаҳои андоздиҳанда, ки дар вақти ба руйхатгирии аҳолӣ тартиб дода мешуд
ревком *м* (революционный комитет) *ист.* ревком, комитети революционӣ
ревматизм *м мед.* ревматизм, тарбод; **летучий ~** тарбоди даргузар; **страдать ~ом** гирифтори тарбод будан
ревматик *м* гирифтори ревматизм, гирифтори тарбод
ревматическ||ий, -ая, -ое ...и ревматизм, ...и тарбод; **~ие боли** дарди тарбод
ревматолог *м* ревматолог, тарбодшинос
ревматологический, -ая, -ое ревматологӣ, ...и тарбод
ревматология *ж мед.* ревматология, тарбодшиносӣ
ревмокардит *м мед.* ревмокардит, тарбоди дил
ревмя *нареч.*: **~ реветь** *прост.* доду фарьёд кардан
ревнивец *м разг.* бадрашк
ревнивица *женск. к* **ревнивец**
ревниво *нареч.* 1. бадрашкона, борашк; **~ посмотреть на кого-л.** бадрашкона нигоҳ кардан ба касе 2. бо дилу ҷон; **~ оберегать тайну** сирро бо дилу ҷон нигоҳдорӣ кардан
ревнивость *ж* бадрашкӣ, рашкдор будан(и)
ревнивый, -ая, -ое (ревнив, -а, -о) 1. бадрашк, рашкомез; **~ муж** шавҳари бадрашк; **~ взгляд** нигоҳи рашкомез 2. *уст. (усердный, ревностный)* боэҳтимом
ревнитель *м уст. книжн.* тарафдор, ҳомӣ; **~ чистоты языка** тарафдори тозагии забон
ревновать *несов.* 1. *кого* рашк кардан 2. *уст. книжн.* ҳасад бурдан
ревностно *нареч. книжн.* боэҳтимом
ревностность *ж книжн.* боэҳтимомӣ
ревностный, -ая, -ое (ревност|ен, -на, -но) *книжн.* боэҳтимом
ревность *ж* 1. рашк; **испытывать ~** рашк кардан; **ослеплённый ~ю** аз рашк бехудшуда 2. *уст. книжн. (зависть)* ҳасад, бухл 3. *уст. книжн.* эҳтимом
ревокация *ж* 1. *дип.* ревокация *(ҷеғ зада гирифтани сафир ё ягон намояндаи расмӣ)* 2. фасх, насх
револьвер *м* таппонча, туфангча
револьверн||ый, -ая, -ое ...и таппонча, ...и туфангча; **~ая кобура** ғилофи таппонча ◇ **~ый станок** дастгоҳи револьверӣ
револьверщик *м* револьверчӣ
революционер *м* 1. революционер, инқилобчӣ 2. *перен.* навовар
революционерка *женск. к* **революционер**
революционизировать *сов., несов.* 1. *кого-что* революционӣ кардан, ғояҳои революциониро паҳн кардан 2. *что перен.* ба куллӣ тағьир додан, аз нав ташкил додан, ба шакли дигар даровардан; **~ искусство театра** санъати театрро ба куллӣ тағьир додан
революционизироваться 1. *сов., несов.* революционӣ шудан 2. *несов. страд.* революционӣ карда шудан
революционно-демократическ||ий, -ая, -ое революционии демократӣ; **~ие партии** партияи революционии демократӣ
революционно-освободительный, -ая, -ое революционии озодихоҳӣ
революционность *ж* революционӣ будан(и); **~ взглядов** революционӣ будани ақидаҳо
революционн||ый, -ая, -ое (революцион|ен, -на, -но) 1. революционӣ, ...и революция; **~ый праздник** иди революционӣ; **~ая ситуация** вазъияти революционӣ; **~ое рабочее движение** ҳаракати революционии коргарон 2. *перен.* ба куллӣ тағьирдиҳанда, аз нав ташкилдиҳанда
революция *ж* 1. революция, инқилоб; **Великая Октябрьская социалистическая ~** Революцияи Кабири Социалистии Октябрь // *перен.* революция, инқилоб, табаддулоти қатъӣ; **культурная ~** революцияи маданӣ; **научно-техническая ~** революцияи илмию техникӣ 2. *филос.* якбора ба сифат гузаштани миқдор
ревтрибунал *м* (революционный трибунал) *ист.* ревтрибунал, трибунали революционӣ
ревун *м* 1. *разг.* сергирья, гирьёнчак 2. *мор.* сирена, гудок, буғи пароход 3. *зоол.* ревун *(як хел маймуни калоне, ки дар Америкаи Ҷанубӣ виндагонӣ мекунад)*
ревунья *женск. к* **ревун** 1

ревю *с неск.* ревю (*навъи тамошои эстрадӣ*)

регалия *ж* 1. *чаще мн.* **регалии** *уст.* ашьёи маснад (*аз қабили тоҷ, чубдасти салтанат ва г.*) 2. *чаще мн.* **регалии** *уст. и шутл.* мафхурот (*аз қабили орден, нишон*) 3. *ист.* иқтаъ

регата *ж спорт.* регата

регби *с нескл. спорт.* регби

регбист *м* регбибоз

регенерат *м тех.* регенерат, тозаашьё (*ашьёе, ки баъди кор фармуда шудан бори дигар қобили истифода карда мешавад*)

регенеративный, -ая, -ое ...и регенерация

регенератор *м тех.* регенератор, ҳароратбадал

регенерация *ж* 1. *биол.* таҷдид 2. *тех.* иавсозӣ

регент *м* 1. ноибуссалтана 2. регент (*дирижёри дастаи ҳофизон бештар дар калисо*)

регентский, -ая, -ое ноибуссалтана

регентство *с* 1. аҳди ноибуссалтана 2. мансаби ноибуссалтана

регентша *ж разг.* 1. *женск. к* **регент** 1; 2. зани ноибуссалтана; зани регент

регион *м* ноҳия; минтақа; **страны** ~а мамлакатҳои минтақа

региональный, -ая, -ое регионалӣ, минтақавӣ; ~ **пакт** *дип.* аҳдномаи минтақавӣ

регистр *м* 1. рӯйхат, феҳрист, дафтари қайд; ~ **журналов** рӯйхати журналҳо 2. *муз.* регистри овозӣ, буъд 3. *муз.* регистри созӣ, гушаи 4. *тех.* регистр (*асбоби ба тартиб дорандаи ҳаракати баъзе мошинҳо*) 5. (*в пишущей машинке*) регистр (*қатори тугмачаҳои ҳуруфоти мошинкаи хатнависӣ*); **верхний** ~ регистри боло; **нижний** ~ регистри поён 6. *мор.* регистр (*дар СССР — ташкилоти давлатие, ки аз болои амнияти сафари киштиҳои баҳрӣ ва дарьёгард назорат мекунад*)

регистратор *м* 1. регистратор, рӯйхатчӣ, рӯйхатгир, барӯйхатгиронда, қайдкунанда 2. папка, ҷузъгир ◇ **коллежский** ~ *уст.* регистратори коллегия (*мансаби поёнтарини маъмури дар Россияи подшоҳӣ*)

регистраторский, -ая, -ое ...и регистратор, ...и рӯйхатгир

регистраторша *разг. женск. к* **регистратор** 1

регистратура *ж* регистратура, шуъбаи қайдкунӣ ва барӯйхатгирӣ (*дар ягон идора*)

регистрационный, -ая, -ое ...и қайд; ~ **лист** варақаи қайд

регистрация *ж* (*по знач. гл.* **регистрировать**) қайд, қайдкунӣ; ~ **делегатов** қайдкунии делегатҳо; ~ **брака** қайди никоҳ

регистрирование *с см.* **регистрация**

регистрировать *несов. кого-что* қайд кардан, ба рӯйхат гирифтан, рӯйхат кардан, ба дафтар гузарондан: ~ **делегатов конференции** вакилони конференцияро қайд кардан; ~ **письма** мактубҳоро ба дафтари қайд гузарондан; ~ **брак** никоҳ қайд кардан; ~ **подземные толчки** таконҳои зеризаминиро қайд кардан

регистрироваться *несов.* 1. қайд шудан, аз қайд гузаштан, ба рӯйхат гузаштан 2. (*оформлять свой брак*) аз қайди никоҳ гузаштан 3. *страд.* қайд карда шудан, ба дафтар гузаронда шудан

регистров||ый, -ая, -ое ...и регистр, регистрӣ, ...и рӯйхат ◇ ~**ая вместимость** *мор.* зарфияти регистрӣ

регламент *м* 1. низомнома 2. тартиби бурдани маҷлис

регламентация *ж* (*по знач. гл.* **регламентировать**) батартибандозӣ

регламентирование *с см.* **регламентация**

регламентировать *сов., несов. что* ба тартиб андохтан, ба қоида даровардан

регламентироваться *несов. страд.* ба тартиб андохта шудан

регламентный, -ая, -ое ...и батартибандозӣ

реглан *прил. неизм.* реглан (*тарзи буридани либос, ки китфу остинаш яклухт мебошад*); **пальто** ~ пальтои реглан

реголит *м* реголит, хоки Моҳ

реготать *несов. груб. прост.* қоҳ-қоҳ кардан

регресс *м* 1. таназзул, ақибравӣ; пастфурой, пастравӣ 2. *юр.* иддао

регрессивность *ж* регрессивӣ будан(и), ақибравандагӣ, пастравандагӣ

регрессивный, -ая, -ое (регрессив|ен, -на, -но) регрессивӣ, таназзулкунанда, ақибраванда, пастраванда, пастфурӯянда

регрессировать *несов.* таназзул кардан, ақиб рафтан, паст рафтан, паст фуромадан; ~ **в развитии** таназзул кардан

регулирование *с* (*по знач. гл.* **регулировать**) батартибандозӣ, танзим; ~ **уличного движения** танзими ҳаракат дар кӯча

регулировать *несов. что* 1. ба тартиб андохтан, танзим кардан; ~ **рыночные цены** нархҳои бозорро ба тартиб андохтан 2. дуруст (соз) кардан; ~ **часы** соатро соз кардан

регулироваться *несов. страд.* танзим шудан

регулировка *ж см.* **регулирование**; ~ **станка** танзими дастгоҳ

регулировочный, -ая, -ое танзимкунанда; ~ **винт** мурвати танзимкунанда

регулировщик *м* танзимгар

регулировщица *женск. к* **регулировщик**

регулы *тк. мн.* ҳайз

регулярно *нареч.* бо тартиб, мунтазам

регулярность *ж* ботартибӣ, мунтазамӣ; ~ **движения поездов** мунтазамии ҳаракати поездҳо

регулярн||ый, -ая, -ое (регуляр|ен, -на, -но) мунтазам, ботартиб; ~**ое сообщение между городами** робитаи мунтазами байни шаҳрҳо ◇ ~**ая армия** армияи доимӣ; ~**ые войска** қӯшунҳои доимӣ

регулятивный, -ая, -ое (регулятив|ен, -на, -но) *книжн.* муназзим

регулятор *м* 1. *тех.* танзима; ~ **тока** танзимаи чараёни қувваи электрик 2. *перен. книжн.* муназзим

ред: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «таҳрирӣ»*: **редколлегия** ҳайати таҳририя

:ред *м қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «муҳаррир»*: **техред** муҳаррири техники

редактирование *с* (*по знач. гл.* **редактировать**) таҳрир; ~ **рукописи** таҳрири дастнавис

редактировать *несов. что* 1. таҳрир кардан; ~ **рукопись** дастнависро таҳрир кардан 2. муҳаррири кардан, муҳаррир будан; ~ **журнал** муҳаррири журнал будан

редактироваться *несов.* таҳрир карда шудан

редактор *м* 1. (*тот, кто редактирует*) муҳаррир; **литературный** ~ муҳаррири адабӣ 2. (*руководитель издания*) муҳаррир; **главный** ~ сармуҳаррир; **ответственный** ~ муҳаррири масъул

редакторск||ий, -ая, -ое ...и муҳаррир; ~**ие обязанности** вазифаҳои муҳаррир

редакторство *с* муҳаррирӣ

редакторствовать *несов. разг.* муҳаррири кардан

редактура *ж разг. см.* **редактирование**

редакционно-издательский, -ая, -ое ...таҳриру нашр

редакционн||ый, -ая, -ое ...и таҳририя, ...и таҳрир, ...и ҳайати таҳририя; ~**ая коллегия** ҳайати таҳририя

редакци||я *ж* 1. таҳрир, таҳриркунӣ; ~**я проекта резолюции** таҳрири лоиҳаи қарор 2. (*руководство изданием*) таҳрир; **под** ~**ей...** дар зери таҳрири... 3. (*формулировка*) таҳрир; **новая** ~**я параграфа устава** таҳрири нави параграфи устав 4. (*вариант произведения*) нашри нав, нашри дигар; **новая** ~**я повести** нашри нави повесть 5. (*коллектив*) ҳайати таҳририя; **главная** ~**я** ҳайати асосии таҳририя 6. (*помещение*) редакция; **адрес** ~**и** адреси редакция

редемаркация *ж* редемаркация (*аз нав барқароркунии аломатҳои сарҳадди давлатӣ*)

реде||ть *несов.* 1. тунук (сирак) шудан, кам шудан; **волосы** ~**ют** мӯйсар сирак шуда истодааст 2. кам шудан, пароканда шудан; **толпа** ~**ет** издиҳом пароканда шуда истодааст

редечный, -ая, -ое ...и турб; ~ **сок** оби (шираи) турб

редис *м* шалғамча; **красный** ~ шалғамчаи сурх

редиска *ж см.* **редис**

редк||ий, -ая, -ое (редок, редка, редко) 1. тунук, сирак, кушод; ~**ие**

волосы муи тунук; **~ые посевы** кишти сирак; **~ие зубы** дандонҳои кушод-кушод; **~ое население** сокинони камшумори аз ҳам дур; **~ая ткань** матои тунук 2. камнамо, дур-дур, гоҳ-гоҳ; **~ий гость** меҳмони камнамо 3. камьёб, нодир, фавқулодда, ғариб; **~ая красота** ҳусни нодир, ҳусни фавқулодда; **~ий талант** истеъдоди фавқулодда; **~ий случай** ҳодисаи нодир; **~ий металл** металли камьёб 4. *с отриц.* қариб ҳама; **~ий человек его здесь не знает** вайро қариб ҳама одамони инчо мешиносанд

редко *нареч.* 1. аз ҳамдигар дур-дур, кушод-кушод, сирак; **деревья посажены ~** дарахтҳо кушод-кушод шинонда шудааст; **~ посеять** сирак коштан 2. кам, гоҳ-гоҳ, аҳьёнаи, аҳьён-аҳьён; **мы с ним ~ видимся** мо бо вай аҳьён-аҳьён вомехурем; **эти животные ~ встречаются** ин ҳайвонҳо бисьёр кам вомехуранд

редковолосый, ая, -ое (редковолос, -а, -о) тунукмуй, сиракмуй, каммуй

редкозубый, -ая, -ое (редкозуб, -а, -о) кушоддандон, роғдандон; **~ гребень** шонаи кушоддандон

редколесье *с* бешаи камдарахт

редколлегия *ж* ҳайати таҳририя

редконаселённый, -ая, -ое камаҳолӣ; **~ район** райони камаҳолӣ

редкостн||ый, -ая, -ое (редкост|ен, -на, -но) *см.* **редкий** 3; **~ый урожай** ҳосилоти фавқулодда; **~ая вещь** нодира

редкость *ж* 1. тунукӣ, сиракӣ; **~ населения** камии аҳолӣ, камаҳолӣ 2. воқеаи нодир, ҳодисаи кам воқеъшаванда; **туманы здесь не ~** туман дар ин ҷо ҳодисаи кам воқеъшаванда не 3. ғариба, ғаробат; **библиографическая ~** китоби камьёб // **на ~** фавкулодда, хеле; **на ~ одарённый человек** одами хеле боистеъдод

редуктор *м тех.* редуктор (1. *механизме, ки барои аз як навард ба наварди дигар гузаронидани гардиш хизмат мекунад* 2. *асбобе, ки барои паст кардани фишори моеъ ё газ, ё ки барои нигоҳ доштани фишори доимӣ ба кор бурда мешавад*)

редукционный, -ая, -ое 1. ...и тафарруҷ 2. ...и коҳиш 3. ...и тахфиф

редукция *ж* 1. редукция 2. *хим.* коҳиш 3. *лингв., биол.* тахфиф; **~ гласного** тахфифи овози садонок

редупликация *ж лингв.* редупликация *(бо усули такрори асоси калима сохтани калимаи нав)*

редут *м уст. воен.* истеҳком

редуцирование *с (по знач. гл.* **редуцировать)** тахфифкунӣ, редукция кардан(и); *(по знач. гл.* **редуцироваться)** тахфифшавӣ, редукция шудан(и)

редуцированный, -ая, -ое: **~ гласный** садоноки мухафаф

редуцировать *сов., несов. что* тафарруҷ кардан

редуцироваться 1. *сов., несов.* тахфиф шудан 2. *несов. страд.* тафарруҷ карда шудан

редчайший, -ая, -ее *превосх. ст. к* **редкий** 3 камьёбтарин, нодиртарин; **~ случай** ҳодисаи нодир

редьк||а *ж* турб ◇ [надоел] **хуже горькой ~и** аз ҷон безор кард, кана барин часпид

редюйт *м уст. воен.* истеҳкоми дарунӣ, истеҳкоми дохили ҳисор

реестр *м* руйхат, номгуй; дафтари қайд

реестровый, -ая, -ое руйхат кардашуда, ба руйхат гирифташуда; қайд кардашуда

реечн||ый, -ая, -ое ...и тахтаи тунуку борик; **~ая перегородка** тавора аз тахтаи тунуку борик

реже *сравн. ст. к* **редкий** *и* **редко**

режим *м* 1. тартибот, сохти давлатӣ; **царский ~** тартиботи подшоҳӣ 2. тартибот, тарзи ҳаёт, тарзи зиндагонӣ, режим, қоида; **~ дня** тартиботи руз 3. қоида, усул; **~ безопасности** қоидаи бехатарӣ; **~ экономии** усули сарфакорӣ

режимный, -ая, -ое ...и тартибот, ...и режим, ...и қоида

режиссёр *м* режиссёр

режиссёрск||ий, -ая, -ое ...и режиссёр; **~ая работа** кори режиссёр

режиссёрство *с* 1. режиссёрӣ 2. *см.* **режиссура** 2

режиссёрствовать *несов. разг.* режиссёрӣ кардан

режиссировать *несов. что* режиссёр будан; **~ пьесу** режиссёри пьеса шудан

режиссура *ж* 1. режиссёрӣ 2. *собир.* режиссёрҳо

режущ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* буранда 2. *прил.* буранда, мебуридагӣ; **~ее лезвие** теғи буранда; 3. *прил. (о боли)* тоқатгудоз 4. *прил. (о звуке, свете и т. п.)* гушхарош

резак *м* 1. доскола; **~ для резки картона** досколаи картонбурӣ // *(для резьбы по дереву)* исканаи кандакорӣ // *(лопаточка у штукатуров)* андова 2. теғ; **~ у плуга** сипор 3. *археол.* табари сангӣ 4. қассоб 5. *тех.* буранд *(асбоби бурандаи оҳан, коғаз ва г.)*

резалка *ж разг.* 1. доскола; **~ для свёклы** досколаи лаблабубурӣ 2. коргарзани моҳичоккун

резальный, -ая, -ое *см.* **резательный**

резальщик *м* 1. буранда; **~ стекла** шишабур 2. коргари моҳичоккун

резальщица *женск. к* **резальщик**

резание *с (по знач. гл.* **резать** 1, 2, 4, 5, 10) буриш, буридан(и), чоккунӣ; **газовое ~** газбуррӣ

резануть *сов. однокр. прост. см.* **резать** 1, 3, 6, 8, 10

резан||ый, -ая, -ое 1. буридагӣ, бурида, чокшуда, чок кардашуда, реза кардашуда; **~ая бумага** коғази бурида; **~ая рана** захми корд 2. *спорт.* каҷрафта; **~ый мяч** туби каҷрафта

резательн||ый, -ая, -ое буранда; **~ая машина** мошинаи буранда

резать *несов.* 1. *что* буридан, қатъ (чок) кардан, пора кардан; **~ хлеб** нон буридан; **~ арбуз** тарбузро буридан; **~ металл** металлро буридан 2. *кого-что разг.* буридан, чок кардан; **~ нарыв** пучакро буридан 3. *что и без. доп. (об инструментах)* буридан; **нож не режет** корд намебурад 4. *кого* куштан, сар буридан, бисмил кардан; **~ барана** гусфандро куштан, гусфандро сар буридан // *прост. и обл. (загрызать)* даррондан, кафондан 5. *что, по чему и без доп.* бурида гирифтан; наққорӣ кардан; **~ по металлу** наққорӣ кардан 6. *что* озурда кардан, дард кунондан; **лямки мешка режут плечо** тасмаи борхалта сари китфро озурда кардааст // *безл. что и без доп.* хала задан; **у меня режет в боку** паҳлуям хала мезанад; **от яркого света режет глаза** рушноӣ чашмро хира мекунад 7. *кого разг. (на экзамене)* ғалтондан, гардондан 8. *что и без доп., разг.* рост гуфтан, руйрост гап задан; **~ правду в глаза** луччаку пусткандаи гапро гуфтан 9. *кого-что перен., разг.* ночор (ноилоҷ) мондан; нобуд кардан 10. *что и без доп. спорт.* қаҷ задан; **~ мяч** тубро қаҷ задан ◇ **~ корму** *мор.* изи киштиро бурида гузаштан; **~ курс** *мор.* миёнбур карда рафтан; **~ по живому** зинда ба зинда пуст кандан; **без ножа ~** *кого* ба бало гирифтор кардан

резаться *несов.* 1. бурида шудан, қатъ (чок) карда шудан 2. *разг. (о зубах)* баромадан; **у ребёнка режутся зубы** кӯдак дандон мебарорад 3. *разг. (сражаться)* ҷангидан, шамшерзанӣ кардан, кордкашӣ кардан 4. *разг.* саргарми бозӣ шудан, ба бозӣ дода шудан; **~ в карты** қартабозӣ кардан, саргарми қартабозӣ шудан 5. *страд.* бурида шудан, қатъ (чок) карда шудан

резвиться *несов.* шухию бозӣ кардан

резвость *ж* 1. шухӣ; **~ ребёнка** шухии кудак 2. тезӣ, босуръатӣ; **рысак показал хорошую ~** аспи резачорпо тез тохт

резвунья *ж разг.* духтараки шух, духтараки чаққон

резвушка *ж разг. см.* **резвунья**

резво *нареч.* 1. *(живо, весело)* шух 2. *(быстро)* тез, босуръат; **~ двигаться** босуръат гаштан

резв||ый, -ая, -ое (резв, резва, резво) 1. шух; **~ый мальчик** бачаи шух; **~ый нрав** феъли шух 2. тез, босуръат, тездав, даванд; **~ая лошадка** аспи даванд

резеда *ж бот.* асирак, гули асирак

резекционный, -ая, -ое *мед.* ...и иктоъ

резекция *ж мед.* иктоъ; **~ желудка** иктоӣ меъда

резерв *м* 1. сарчашма, манбаъ 2. *чаще мн.* **резервы** захира, эҳтиёт; **экономические ~ы** захираҳои иқтисодӣ; **продовольственные ~ы** захираҳои озуқа; **иметь в ~е** захира доштан 3. *воен.* қушуни эҳтиётӣ 4. *воен.* резерв *(касоне, ки хизмати ҳарбиро тамом карда ҷавоб шудаанд, вале дар зарурат боз даъват шуданашон мумкин аст)* 5. *чаще мн.* **резервы** *ж.-д.* канда *(чуқуриҳое,*

ки аз гирифтани хок барои хоктеппаи роҳи оҳан ба вуҷуд меоянд) ◊ **трудовые ~ы** резервҳои меҳнати *(то соли 1958)*

резерват *м* 1. парваришгоҳ *(мамнуъгоҳест барои нигоҳ доштани ҷинсҳои нодири наботот ва ҳайвонот)* 2. *см.* **резервация** 2

резервация *ж* 1. эҳтиёт, нигоҳдорӣ, захиракунӣ 2. резервация *(дар ШМА, РҶА, Австралия, Канада ва Бразилия ҷойҳои махсусе, ки аҳолии таҳҷоӣ маҷбуран муҳоҷир карда мешавад)*

резервирование *с (по знач. гл.* **резервировать)** эҳтиёткунӣ, нигоҳдорӣ, захиракунӣ

резервировать *сов., несов. что* эҳтиёт кардан, нигоҳ доштан, захира карда мондан; ~ **запасы нефти** захираҳои нефтро эҳтиёт карда мондан

рихтовка *ж тех.* (*по знач. гл.* **рихтовать**) баробаркунӣ, ҳамворкунӣ, росткунӣ

ришельё *с нескл.* ришелье *(навъи гулдузӣ, кашидадузӣ)*

роба *ж* 1. *уст.* либос, пушок, ҷома 2. *(рабочая одежда)* либоси корӣ, корҷома

робеть *несов.* тарсидан, ваҳмидан, хусидан

робк||ий, -ая, -ое (робок, робка, робко) тарсончак, буздил, беҷуръат(она); **~ий взгляд** нигоҳи беҷуръатона ◇ **не [из] ~ого десятка** аз тарсончакҳо не

робко *нареч.* буздилона, беҷуръатона

робость *ж* тарсончакӣ, буздилӣ, беҷуръатӣ; **испытывать** ~ беҷуръатӣ ҳис кардан

робот *м* робот *(автомате, ки амалиёти мураккаби ба ҳаракатҳои одам монандро иҷро мекунад)*

роброн *м* роброн *(куртаи домандорзи занонаи қадим)*

ров *м* хандақ; **противотанковый** ~ хандақи зиддитанкӣ; **выкопать** ~ хандақ кандан

ровесник *м* ҳамсол, ҳамсин

ровесница *женск. к* **ровесник**

ровик *м* 1. *уменьш. к* **ров**; 2. *воен.* сангар, хандақ, паноҳгоҳ *(барои тӯп ва ҷанговарон)*

ровнёхонько, ровнёшенько *нареч. разг. см.* **ровно** 1—5; **я ~ ничего не понимаю** ман тамоман ҳеҷ чизеро намефаҳмам

ровница *ж спец.* хомришта, калоба

ровничн||ый, -ая, -ое *спец.* ...и ресмони калоба, ...и хомришта; **~ая машина** мошини калобаресӣ

ровно 1. *нареч.* ҳамвор, тахт, текис 2. рост; **дорога шла ~** роҳ рост мерафт 3. *нареч.* мунтазам, мураттаб, баробар; **сердце билось ~** дил мунтазам метапид 4. *в знач. частицы* расо; ~ **десять рублей** расо даҳ сум; ~ **в три часа** расо дар соати се 5. *в знач. частицы разг.* ҳеҷ, тамоман; **я ~ ничего не понимаю** ман ҳеҷ чизеро намефаҳмам

ровность *ж* 1. ҳамворӣ 2. ростӣ 3. мунтазамӣ, мавзунӣ, баробарӣ 4. мӯътадилӣ

ровн||ый, -ая, -ое (ровен, ровна, ровно) 1. ҳамвор, тахт, текис; **~ая дорога** роҳи ҳамвор 2. рост; **~ая черта** хати рост 3. якхела, як хел, баробар 4. мунтазам, мураттаб, мавзун; **~ый пульс** набзи мураттаб; **~ое дыхание** нафасгирии мунтазам 5. *перен.* мӯътадил, вазнин, ботамкин; **~ый характер** одами ботамкин ◇ **~ый вес** вазни расо; **~ый счёт** ҳисоби баробар; **~ым счётом ничего** ҳеҷ чиз, ҳеҷ, асло, тамоман; **для ~ого счёта** яклухт, ҳисоб карда..., барои ҳисоби яклухт; **шишка на ~ом месте** *прост.* калонтарош, одами калонгарикунанда; **не ровен (не ровён) час** *прост.* оламу ҳодис, мабодо, худо накунад

ровня *м, ж разг.* баробар

ровнять *несов. что* ҳамвор (тахт) кардан; ~ **дорогу** роҳро ҳамвор кардан ◇ ~ **шаги** қадамро баробар партофтан, ҳамқадам шудан

ровняться *несов. страд.* ҳамвор карда шудан

рог *м* 1. шох; **оленьи ~а** шохҳои гавазн 2. буғ, бук, карнай, шайпур; **трубить в ~** буғ (карнай) кашидан 3. чангак; ~ **якоря** чангаки лангар 4. *уст. и обл. (мыс)* димоға ◇ **наставить ~а кому-л.** 1) *(изменить мужу)* ба шавҳар бевафоги кардан 2) *(быть любовником чьей-л. жены)* хушдори зани касе будан; **обломать ~а кому-л.** доди касеро додан, муй барин мулоим кардан; **сломить ~а кому-л.** *уст.* шох шикастан, шасти касеро гардондан, парҳои касеро хамондан; **брать (взять) быка за ~а** якбора ба кори асосӣ шуруъ кардан; **в бараний ~ согнуть (скрутить)** *кого-л.* ба тахта кашидан; **как (будто, словно, точно) из ~а изобилия** бисьёр фаровон, мул; **к чёрту на ~а, у чёрта на ~ах** *прост.* дар ким-кадом гур, дар ким-ку...

рогалик *м* нони қушкорак

рогастый, -ая, -ое (рогаст, -а, -о) *разг.* шохкалон; ~ **бык** барзагови шохкалон

рогатина *ж* найза

рогатк||а *ж* 1. *(препятствие)* сепоя, ғов, монеа // *чаще мн.* **рогатки** *перен.* монеа, мамониат, душворӣ, халал; **ставить ~и кому-л.** ба касе халал расондан, ба касе мамониат кардан 2. *(деревянный ошейник)* завлона 3. кашкашак

рогатый, -ая, -ое (рогат, -а, -о) 1 шохдор; **крупный ~ скот** ҳайвоноти калони шохдор 2. ...и шохдор, шох монанд душоха; ~ **месяц [моҳи]** ҳилол 3. *разг. шутл.* ...и занаш бевафо; ~ **муж** марди занаш бевафо

рогач *м* 1. *(самец оленя и др.)* гавазни нар; гавазни шохдор 2. *(жук)* гамбуски шохдор 3. *обл. (ухват)* дегги раки оҳанин

роговица *ж анат.* қарнияи чашм

рогов||ой, -ая, -ое ...и шох, шохӣ, шохин; **очки в ~ой оправе** айнаки чамбаракаш шохин; **~ая оболочка** *анат. см.* **роговица**

рогож||а *ж* чипта; **упаковать в ~у** чиптапеч кардан, бо чипта печондан

рогожина *ж прост.* пораи чипта

рогожк||а *ж* 1. *уменьш. к* **рогожа**; 2. *(подстилка)* чиптафарш; **устлать пол ~ой** ба пол чипта густурдан 3. *(ткань)* каламинка; **платье из ~и** куртаи аз каламинка

рогожн||ый, -ая, -ое ...и чипта; чиптагин; чиптапуш; **~ые мешки** халтаҳои чиптагин

рогоз *м бот.* лух

рогоносец *м разг.* марди занаш бевафо

рогулька *ж* 1. *разг. уменьш. к* **рогуля**; 2. *текст.* чангаки душоха *(як навъ асбоб дар мошинҳои ресандагӣ)* 3. *обл. см.* **рогатка** 3

рогуля *ж разг. спец.* душоха *(ҳар чизе, ки шохмонанд аст)*

род *м* 1. қавм, қабила; **старейшина ~а** пири авлод 2. сулола; авлод, насл; **старинный ~** насли қадим; **из ~а в ~** аз насл ба насл, аз авлод ба авлод; **вести свой ~** *от кого* аз авлоде будан 3. *разг.* хонавода, нажод, насаб, табақа; **крестьянского ~а** аз табақаи деҳқон, деҳқонзода // *в знач. нареч.* **родом** ҷои таваллудаш, аслан; **~ом из Сибири** ҷои таваллудаш Сибирь аст, вай аслан аз Сибирь аст 4. ҷинс;

~ рыб чинси моҳӣ; ~ растений чинси растанӣ 5. навъ, хел; ~ оружия навъи ярок; всякого ~а ҳар хел; такого ~а ҳамин хел 6. тарз, тавр, тарик; ~ занятий тарзи машғулият 7. *лингв.* чинс; мужской ~ чинси мардона; женский ~ чинси занона; средний ~ чинси миёна // ~ людской башари одам; в некотором ~е то як дарача, то як андоза; в этом (таком) ~е тахминан ҳамин тавр, гуё ҳамин тавр; от роду аз аввал, зотан; пятидесяти лет от роду панчоҳсола, ба панчоҳ даромада; своего ~а, в своём ~е гуё ки...; такого ~а ҳамин хел, ҳамин тавр; без ~у и племени, без ~у без племени 1) *уст.* бенаслу насаб 2) бехешу табор, яккаву танҳо; ни ~у ни племени бе касу куй; на ~у написано дар тақдираш будааст, дар пешонааш навишта шуда будааст

роддом *м* (родильный дом) таваллудхона

родиевый, -ая, -ое *хим.* ...и родий, родийнок

родий *м хим.* родий *(элементи химиявӣ, металл)*

родильница *ж* зани навзоида

родильн||ый, -ая, -ое ...и таваллуд, таваллуд=, ...и зоиш; ~ый дом таваллудхона; ~ая горячка чунуни зоиш *(бемории гузариндаи занона, ки баъд аз зоидан пайдо мешавад)*

родимчик *м прост.* саръ, бемории косашикан

родим||ый, -ая, -ое 1. *фольк. и прост.* азиз, мукаррам; ~ое дитя фарзанди азиз 2. *обращ. прост.* азизам, чонам, дилбандам, ширинакам 3. *в знач. сущ.* **родимый** *м фольк. и обл.* падар, падарчон; **родимая** *ж фольк. и обл.* модар, модарчон; **родимые** *мн.* падару модар, волидайн ◇ ~ое пятно 1) хол, холи модарзод; 2) дог, нанг, шармандаги

родин||а *ж* 1. ватан, диёр; вернуться на ~у ба ватан баргаштан 2. макон; манбаъ; ~а пальм макони [дарахти] нахл

родинка *ж* хол, холи модарзод; ~ на щеке холи рухсора

родины *тк. мн. уст.* 1. рузи таваллуд, туи таваллуд 2. таваллуд, зоиш

родители *мн.* падару модар, волидайн

родитель *м уст. обл.* падар, волид

родительница *ж уст. обл.* модар, волида, оча

родительный, -ая, -ое: ~ падеж *грам.* падежи родительный *(сиғаи калима, ки ба саволи «аз они кӣ?» ва «аз они чӣ?» ҷавоб медиҳад ва дар забони тоҷикӣ ба воситаи изофа ифода карда мешавад)*

родительск||ий, -ая, -ое ...и волидайн, ...и падару модар; ~ий комитет комитети падару модарон; ~ое собрание маҷлиси падару модарон // *(принадлежащий родителям)* ...и волидайн, ...и падару модар; ~ий дом хонаи падару модар; ~ая суббота *церк.* рузи дуои рафтагон *(дар дини насронӣ)*

родить *сов., несов.* 1. *кого* зоидан, фарзанд кардан, таваллуд кардан; ~ сына писар зоидан // *тк. в форме прич.* зоида шудаам (шудаӣ, шудааст *ва г.*); он рождён для сцены у барои саҳна зоида шудааст 2. *что перен.* ба вуҷуд овардан, пайдо кардан; ~ сомнение шак овардан, шубҳа кунондан 3. *что и без доп. (о почве, растении)* ҳосил додан, бор овардан ◇ в чём мать родила *прост.* лучи модарзод, лублуч

родиться *сов., несов.* 1. зоида (таваллуд) шудан, таваллуд ёфтан, ба дунё омадан; он родился в 1950 году вай соли 1950 таваллуд ёфт 2. *перен.* ба вуҷуд омадан, пайдо шудан 3. руидан, ҳосил додан; здесь хорошо родится хлопок дар ин ҷо пахта хуб меруяд ◇ ~ в рубашке некбахт зоида шудан; ~ под счастливой звездой некахтар (бахтёр) будан

родич *м* 1. ҳамқавм 2. *прост.* хеш, табор

родник *с* чашма, сарчашма // *перен.* сарчашма, манбаъ; ~ мудрости манбаи хирад

родников||ый, -ая, -ое ...и чашма, ...и сарчашма; ~ая вода оби чашма

родниить *несов. кого* 1. хеш кардан, хеши пайдо кардан 2. наздик кардан, монанд кардан

родниться *несов.* 1. хеш шудан, хеши пайдо кардан 2. наздик (монанд) шудан

родничок *м анат.* нармаки сар

родн||ой, -ая, -ое 1. айнӣ, ҳамбати, ҳамшикам, аз як падару модар; хеш, табор; ~ой отец падари худи; ~ая сестра хоҳари айни // *в знач. сущ.* **родные** *мн.* хешон, хешу табор, хешовандон, хешу ақрабо 2. ...и ватан, ...и диёр, ...и зодгоҳ; моё ~ое село деҳаи зодгоҳи ман 3. наздик, азиз, меҳрубон; ~ой коллектив коллективи азиз 4. *обращ.* азиз, муҳтарам ◇ ~ой язык забони модарӣ

родня *ж* 1. *собир.* хешу табор; хеш; близкая ~ хеши наздик; дальняя ~ хеши дур 2. *м, ж разг.* хеш, табор

родовитость *ж* наҷобат, асилзодаги, қадимнаслӣ

родовитый, -ая, -ое (родовит, -а, -о) *уст.* наҷиб, асилзода

родов||ой I, -ая, -ое 1. қавми, авлодӣ; ~ой строй *этн.* сохти авлодӣ 2. *биол.* ...и чинс 3. *лингв.* чинси; ~ые окончания *грам.* бандакҳои чинсият 4. наслӣ, мероси, ирсӣ; ~ое поместье амлоки падару бобоӣ, мулки меросӣ; ~ая знать асилзодагон 5. ...и хешу табор, ...и хеш, ...и хешованди; ~ые связи алоқаҳои хешу табори, муносибати хеши

родов||ой II, -ая, -ое ...и таваллуд, ҳомилагӣ; ~ые боли дарди таваллуд

родовспомогательн||ый, -ая, -ое ...и ёрии тиббии таваллуд; ~ые учреждения идораҳои ёрии тиббии таваллуд

родовспоможение *с* ёрии тиббии таваллуд

рододендрон *м бот.* бушаҳри, гули маҳин

родоначальник *м* 1. падаркалони қавм, саравлод, сарнасл 2. *перен.* сардафтар, асосгузор, саромад; ~ советской литературы сардафтари адабиёти советӣ

родоначальница *ж* модаркалони қавм

родословие *с* 1. *(генеалогия)* силсилаи насаб, сулола 2. *(перечень поколений одного рода)* насабнома, шаҷара

родословн||ый, -ая, -ое 1. ...и насаб, ...и шаҷара 2. *в знач. сущ.* **родословная** *ж см.* **родословие** ◇ ~ое дерево (древо) насабнома, шаҷара

родственник *м* хеш; близкий ~ хеши наздик; дальний ~ хеши дур; ~ по отцу хеши падарӣ

родственница *ж* хеш, хешзан, хешдухтар

родственность *ж* хеши, хешованди, хешигарӣ, хешу таборӣ; ~ языков ба ҳамдигар наздик будани забонҳо

родственн||ый, -ая, -ое (родствен, -на, -но) 1. ...и хешу табор, ...и хеши, ...и хешованди; ба ҳам хеш; ~ые отношения муносибатҳои хеши; ~ые семьи оилаҳои ба ҳам хеш; ~ый визит боздиди хешутаборӣ 2. *тк. полн. ф.* хайрхоҳона, самимона; ~ое отношение к кому-л. муносибати хайрхоҳона нисбат ба касе 3. наздик, ба ҳамдигар наздик (монанд); ~ые языки забонҳои ба ҳамдигар наздик

родств||о *с* 1. хеши, хешутабори, хешованди, ақрабоӣ; кровное ~о қаробати хунӣ; быть в ~е с кем-л. бо касе хеш будан 2. *собир. разг.* хеш, хешу табор, хешованд 3. наздиқ, ба ҳамдигар монанд будан(и); ~о языков ба ҳамдигар наздик будани забонҳо ◇ не помнящий ~а 1) *уст.* ятими бепадару бебатан 2) шахси қурнамак

роды *тк. мн.* зоиш, зоидан(и). таваллуд, валодат; преждевременные ~ зоиши пеш аз муддат; сухие ~ зоиши хушк

роёвня *ж пчел.* роёвня *(сабадчаест барои ба қуттиҳои дигар кӯчонидани занбури асал)*

роев||ой, -ая, -ое ...и оила, ...и туда; ~ые пчёлы оилаи занбури асал

роение *с (по знач. гл.* **ройться** *1)* оиласозии занбури асал; ~ пчёл оиласозии занбурони асал)

рож||а I *ж прост.* 1. башара, афт 2. афти хунук, башараи зишт (бесиёқ); *(о человеке)* одами бадафт (бадбашара, бесиёқ) 3. *бран.* бадбашара; бесстыжая ~а бадбашараи беҳаё ◇ ~ей не вышел афташ хунук; ни кожи ни ~и безеб, хунукбашара; состроить (скройть) ~у лабу руйро бурма кардан

рожа II *ж мед.* саромос

рожать *несов. см.* **родить** 1, 3

рождаемость *ж* зоиш, бачазоӣ, миқдори таваллудшудагон

рождать *несов. см.* **родить** 1, 2

рождаться *несов.* 1. *см.* **родиться**; 2. *страд.* зоида шудан; пайдо шудан

рождени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **родить** 1, 2) зоиш, таваллуд; ба вуҷуд овардан(и); *(по знач. гл.* **родиться** 1, 2)

зоидашавӣ, таваллудшавӣ, таваллудьёбӣ; ба вуҷуд омадан(и); **с самого ~я** аз рузи таваллуд; **глухой от ~я** кари модарзод 2. рузи таваллуд; **день ~я** рузи таваллуд // *(празднование)* ҷашни рузи таваллуд; **отметить чьё-л ~е** рузи таваллуди касеро қайд кардан ◇ **по ~ю** аслан; **москвич по ~ю** аслан аз Москва, аслан москвагӣ

рождественский, -ая, -ое *рел.* ...и мавлуди Исо

рождество *с рел.* мавлуди Исо

роженица *ж* зани мезоидагӣ, зани навзоида

рожечник *м* сурнайчӣ, карнайчӣ, шайпурнавоз

рожист||ый, -ая, -ое *мед.* ...и саромос, саромосӣ; **~ое воспаление** варами саромос

рожица *ж разг. уменьш.-ласк. к* **рожа** I 1; **умильная ~** афти базебакак

рожок *м* 1. *(мн.* **рожки***)* *уменьш. к* **рог** 1, 3; 2. *(мн.* **рожки***)* *муз.* сурнай, карнай; **английский ~** сурнайчаи англисӣ; **пастуший ~** сурнаи чупонӣ 3. *(мн.* **рожки***)* пистонак, ширкашак; **кормить из рожка** бо пистонак шир додан 4. *(мн.* **рожки***)* кафчаи кафшпушӣ 5. *(мн.* **рожки***)* *(плод)* абалак 6. *(мн.* **рожки***)* макарони куҷҷорак ◇ **остались рожки да ножки** каллаю поча шуд

рожон *м уст.* ходачаи нугтез ◇ **лезть на ~**, **переть против рожна** *прост.* худро ба балое гирифтор кардан; **какого рожна?** *груб. прост.* барои чӣ?; **какого рожна надо (не хватает?)** *груб. прост.* боз чӣ лозим?

рожь *ж* 1. ҷавдор; **поле ржи** киштзори ҷавдор; **засеять поле ~ю** дар саҳро ҷавдор коридан 2. *обл.* замини ҷавдор

роз= *приставка префиксест, ки пеш аз реша омада задаро ба худ мегирад; см.* **раз=**

роза *ж* гул, гули садбарг; **алая ~** гули сурх ◇ **~ ветров** *метео* хатти ҳаракати шамол *(номи ҷадвале, ки такроршавии суи ҳаракати бодро дар муддатҳои муайян нишон медиҳад)*

розан *м разг. см.* **роза**

розарий *м* гулистон, гулзор, гулбоғ; ниҳолзори гулҳои садбарг

розвальни *мк. мн.* чанаи деҳқонӣ

розвязь *ж* 1. *собир. обл.* чизҳои нобаста (кушода) 2. *охот.* *(о собаках)* озодгардӣ *(дар бораи сагни шикорӣ)*

розга *ж* химча; **наказать ~ми** химчазанӣ кардан

розговенье *с церк.* рузакушоӣ, ифтор

роздых *м прост.* дамгирӣ, танаффус, нафасросткунӣ

розеола *ж мед.* сурхча

розетка *ж* 1. бандина, гулбандина *(орнишест аз тасмаҳои рангин барои зинати либос)* 2. бандинаи орден 3. таксимча, табақча 4. тавқи шамъ *(доирачаи шиша, чини ё филлизиест, ки барои начакидани равғани шамъ ба шамъдон ба тани шамъ меандозанд)* 5. шишаи чароғи электрикӣ 6. *электр.* розетка, васлак *(интиҳои сими электрикӣ ва чиҳози он, ки дигар нуки сим ба он пайваст карда мешавад)* 7. баргпоя, поябарг 8. *иск.* баргак, гулдоира 9. *архит.* доираи гулгач

розетта *ж архит. см.* **розетка** 9

розжиг *м (по знач. гл.* **разжигать** 1) гиронда́н, алав кардан

розлив *м (по знач. гл.* **разлить** 2) рехтан(и); **~ металла** рехтани металли гудохта; **~ вина** рехтани май дар шишаҳо

розливень *м обл.* обхезӣ

розмарин *м бот.* 1. руморан 2. шакарсеб, розмарин

розмариновый, -ая, -ое ...и руморан; **~ куст** буттаи руморан

рознить *несов. уст. и прост.* 1. *кого-что* ҷудо кардан, аз ҳамдигар ҷудо кардан 2. *с кем-чем (отличаться)* фарқ кардан (доштан), тафовут доштан

розниться *несов. уст. и прост.* фарқ кардан (доштан), тафовут доштан; рост наомадан, мувофиқ наомадан

розниц||а *ж торг.* савдои чакана, майдафурушӣ, моли чакана ◇ **продавать в ~у** чакана фурухтан

розничн||ый, -ая, -ое *торг.* чакана, ...и майдафурушӣ; **~ые цены** нархи чакана; **~ая продажа** майдафурушӣ

розно *нареч. уст.* алоҳида-алоҳида, ҷудо-ҷудо

розный, -ая, -ое *уст.* ҳар хел, ҳархела, гуногун, рангоранг, мухталиф

рознь *ж* 1. ихтилоф, норозигӣ, ноиттифоқӣ, низоъ, хусумат; **сеять ~** низоъ андохтан, тухми низоъ киштан 2. *в знач. сказ. кому-чему* фарқ (тафовут) дорад; **работа работе ~** кор аз кор фарқ дорад

розове||ть *несов.* 1. *(виднеться — о розовом)* гулобӣ (гулранг, гулгун) намудан; **вдали ~ло небо** домани осмон гулгун метофт 2. *(становиться розовым)* гулгун шудан, сурх шудан; **~ют цветущие сады** боғҳои шукуфон гулгун мешаванд 3. сурхӣ давидан, сурх шудан; **~ть от смущения** аз шарм сурх шудан

розоволицый, -ая, -ое (розоволиц, -а, -е) гулчеҳра, сурхруй, гулрухсор, гулру

розовощёкий, -ая, -ое (розовощёк, -а, -о) лоларух, гулру

розов||ый, -ая, -ое (розов, -а, -о) 1. *тк. полн. ф.* ...и гул, гулдор; **~ый куст** буттаи гул; **~ое варенье** мураббои гул; **~ое масло** равғани гул 2. гулобӣ, гулгун; **~ое платье** куртаи гулобӣ 3. *в знач. сущ.* **розовые** *мн. см.* **розоцветные** ◇ **видеть в ~ом свете (цвете)** камбудиҳоро надидан, фақат ҷиҳатҳои мусбатро ба назар гирифтан; **смотреть сквозь ~ые очки** *на кого-что* аз камбудӣ (аз нуқсон) чашм пушидан

розоцветные *мн. бот.* настаранихо

розыгрыш *м* 1. *(по знач. гл.* **разыграть***)* бозӣ; мусобиқа; **~ первенства по футболу** мусобиқаи футболбозӣ барои гирифтани ҷои якум 2. *спорт.* *(ничья)* дуранг, бенатиҷа

розыгрышный, -ая, -ое ...и бозӣ. ...и мусобиқа

розыск *м* 1. *(по знач. гл.* **разыскать***)* ҷустуҷу, кофтуков 2. *юр.* тафтиш, тергав, пурсуҷуй 3. *ист.* истинтоқ ◇ **уголовный ~** шуъбаи кофтукови ҷиноят

розыскной, -ая, -ое ...и ҷустуҷу, ...и кофтуков, ҷустуҷуӣ, кофтукови

ройстый, -ая, -ое *пчел.* сероила; зуд-зуд ба тудаҳо ҷудошаванда; **~ улей** қуттии сероилаи занбури асал

ройть *несов. пчел. что* ба оила ҷамъ кардан; **~ пчёл** занбурҳои асалро ба оила ҷамъ кардан

ройться *несов.* 1. *пчел.* ба оилаҳои алоҳида ҷудо шудан *(оид ба занбури асал)* 2. *(летать роем)* туда-туда парвоз кардан 3. *перен.* пай дар пай омадан, селвор омадан; ҷуш задан *(оид ба фикр ва ғ.)*; **в голове роятся всякие мысли** дар маннаам фикру хаёли гуногун ҳаст

рой *м* 1. *(о пчёлах)* оила; **пчелиный ~** оилаи занбурони асал 2. *(о насекомых)* туда, гала 3. *перен.* *(множество)* бисьёр, силсила; **~ воспоминаний** силсилаи хотирот

рок *м* сарнавишт, тақдир, қисмат; **злой ~** қисмати бад, тақдири сиёҳ

рокада *ж воен.* рокада *(роҳи бо хати фронт мутавозӣ)*

рокайль *ж нескл. иск.* 1. сангбаст *(дар санъати меъмории асри 18 нақшест ба шакли порчаҳои харсанг)* 2. *см.* **рококо**

рокировать(ся) *сов., несов. шахм.* қалъабандӣ кардан

рокировка *ж шахм.* қалъабандӣ

роков||ой, -ая, -ое 1. *уст.* шум, манҳус, фалокатовар, касофатангез; **~ая весть** хабари шум 2. *уст.* ҳалкунанда, асосӣ; **~ой вопрос** масъалаи асосӣ 3. марговар, фалокатовар; **~ое событие** вокеаи фалокатовар; **~ая ошибка** хатои марговар

рококо *с нескл. иск.* рококо *(услуби санъати меъморӣ дар асрҳои 17—18)*; **в стиле ~** ба усули рококо

рокот *м* ғул-ғул, ғурриш, ғуррос; гулдур-гулдур, шав-шув; **~ волн** шав-шуви мавҷҳо

рокотание *с* ғул-ғул, ғурриш, гулдур-гулдур; **~ грома** гулдур-гулдури раъд

рокотать *несов.* ғул-ғул кардан, ғурридан, гулдур-гулдур кардан, шав-шув кардан, ғуррос задан, чах-чах задан

рокфор *м* рокфор *(як навъ панири тез)*

рол *м* 1. *тех.* навард, зағута 2. печ; **~ бумаги** як печ коғаз

ролев||ой, -ая, -ое 1. *тех.* ...и зағута, ...и навард 2. печондашуда; **~ая бумага** коғази печондашуда

ролик *м* 1. *уменьш. к* **рол** 1, 2; 2. *(колёсико)* ғилдиракча; **тележка на ~ах** аробачаи ғилдиракчадор 3. *эл.* ролик *(зағутачаи чинӣ ё пластмассагӣ барои ба девор насб кардани сими электрик)* 4. *мн.* **ролики** конькии ғилдиракчадор, конькии чархдор

роликовый, -ая, -ое ...и ғилдиракча, ғилдиракчадор

рол||ь *ж* 1. *театр.* роль, нақш; **трудная ~ь** нақши душвор; **быть на вторых ~ях** ролҳои дуюмдараҷаро бозӣ кардан; **исполнять главную ~ь** роли асосиро бозидан 2. матни роль; **выучить ~ь** матни рольро аз ёд кардан 3. вазифа, симат; **взять на себя ~ь** вазифадор шудан, ӯҳдадор шудан 4. мақом, аҳамият; **~ь личности в истории** мақоми шахс дар таърих ◇ **в ~и** ба симати..., ҳамчун; **выступить в ~и защитника** ба симати ҳомӣ баромад кардан; **войти в ~ь** *кого* ба ҳолати нав омухта шудан; **выдержать ~ь** *кого* пойдор (қоим) будан, рафтори худро дигар накардан; **выйти из ~и** аз роҳи худ баромадан; **играть ~ь** 1) *какую* таъсир кардан; аҳамият доштан 2) **кого-чего-л.** вазифаи касе, чизеро иҷро кардан 3) худро бардуруғ ба ҳолате андохтан

рольн||ый, -ая, -ое 1. *тех.* ...и зағута. ...и навард 2. печондашуда; **~ая бумага** коғази печондашуда

ром *м* ром *(шароби найшакар)*

роман *м* 1. *лит.* роман; **исторический ~** романи таърихӣ; **научно-фантастический ~** романи илмии фантастикӣ 2. *разг.* ишқбозӣ; **крутить ~** ишқбозӣ кардан

романизация *ж* романонӣ

романизовать *сов., несов. что* романонӣ кардан *(маданияту забони Рими Қадимро дар байни дигар халқҳои Европаи Ғарбӣ дар асрҳои якуми мелодӣ зуран ҷорӣ кардан)*

романизоваться 1. *сов., несов.* романонӣ шудан 2. *несов. страд.* романонӣ карда шудан

романист I *м* романнавис, романист

романист II *м* 1. романшинос, мутахассиси романшиносӣ 2. *юр.* романист, мутахассиси ҳуқуқи Рими

романистика *ж* романишиноси

романистический, -ая, -ое ...и романишиносӣ

романическ||ий, -ая, -ое *уст.* 1. ...и роман, романи; роман барин, романмонанд 2. ...и ишқбозӣ; **~ое приключение** моҷарои ишқбозӣ 3. *см.* **романтичный**

романс *м* романс (1. *муз. асари хурди лирикии мусиқӣ* 2. *лит. шеъри лирикӣ*)

романск||ий, -ая, -ое романӣ; **~ие языки** забонҳои романӣ; **~ий стиль** услуби романӣ

романтизировать *сов., несов. что* аз будаш беҳтар тавсиф кардан

романтизироваться *несов. страд.* аз будаш беҳтар тавсиф карда шудан

романтизм *м лит., иск.* романтизм (1. *равияи маънавӣ ва адабиест дар миданияти маънавии охири асри 18 ва нимаи аввали асри 19 Европа ва Америка, ки манфиати фард ва эҳсосотро дар мадди аввал гузошта мавзуъҳои таърихӣ ва халқиро васеъ истифода мебурд* 2. *услуби эҷодӣ дар адабиёт ва санъат, ки аз руҳияи некбинӣ саршор буда камолоти инсонро тавсиф мекунад* 3. *ақида ва нуктаҳое, ки воқеиятро аз будаш беҳтар тавсиф намуда гирифтори банди хаёлоти ботил аст)*

романтик *м* 1. романтик *(тарафдори романтизм дар адабиёт ва санъат)* 2. хаёлпараст

романтика *ж* хиссиёти баланд, хаёлпарастӣ

романтическ||ий, -ая, -ое 1. романтикӣ, ...и романтизм; **~ое направление в литературе** равияи романтикӣ дар адабиёт 2. хаёлпараст, ...и хаёлпарастӣ; хаёлпарастона; **~ое настроение** руҳияи хаёлпарастӣ

романтичность хаёлпарастӣ, хаёлпарастона будан(и); **~ характера** хаёлпарастӣ

романтичный, -ая, -ое (романтичен, -на, -но) хаёлпараст(она); **~ настрой** кайфияти хаёлпарастона

ромаш||ка *ж* 1. *бот.* бобуна, гули бобуна; **букет ~ек** гулдастаи бобуна 2. бобунаи куфта, хокаи бобуна; **настой из ~ки** шираи бобуна; **пить ~ку** шираи бобуна нушидан

ромашковый, -ая, -ое ...и бобуна, ...и гули бобуна; **~ отвар** оби бобуна

ромб *м в разн. знач.* ромб

ромбический, -ая, -ое 1. ромбӣ, ...и ромб 2. ромбшакл

ромбовидный, -ая, -ое (ромбовиден, -на, -но) ромбшакл, ромбмонанд

ромбовый, -ая, -ое *разг. см.* **ромбический**

ромбоэдр *м мат.* ромбоэдр *(параллелепипед, ки ҳамаи тарафҳои он ба шакли ромб аст)*

ромов||ый, -ая, -ое ...и ром;роммехта, ромдор; **~ая баба** нони ромдор

ромштекс *м кул.* ромштекс *(як парча гушти бирьёни гов)*

рондо I *с нескл. муз.* рондо *(як навъ оҳанги мусиқӣ, ки дар вай ҳавои асосӣ такрор мёёбад)*

рондо II *с нескл.* (*шрифт*) рондо *(хат ё ҳарфҳои бо каламии нугпаҳн навишташуда)* // *(перо)* перои нугпаҳн

ронжа *ж* 1. *зоол.* зоғча 2. *спец.* синҷ

ронять *несов.* 1. *кого-что* афтондан, ғалтондан; **~ посуду** зарфро афтондан 2. *что* резондан, ҷудо шудан, партофтан; **~ листья** барг резондан; **птицы роняют оперение** паррандагон туллак мекунанд 3. *что* паст (поён) кардан, поён андохтан; **~ голову на грудь** сар хам кардан 4. *что перен.* *(произносить небрежно)* чаккӣ-чаккӣ (бепарвоёна) гап задан; **~ слова** чаккӣ-чаккӣ гап задан 5. *кого-что перен.* паст задан, гум кардан; **~ себя (свой авторитет)** обруи худро резондан; **~ своё достоинство** иззати худро гум кардан ◇ **~ слёзы** ашк резондан

ропак *м* яхчуққӣ

ропот *м* 1. ғавғо, норозигӣ, шиква; **поднялся ~** ғавғо хест 2. шав-шув, шилдир-шилдир, шар-шар; **~ волн** шав-шуви мавҷҳо

роптание *с (по знач. гл.* **роптать**) ғур-ғур, ғурунг-ғурунг, шиквакунӣ, гилакунӣ

роптать *несов.* 1. ғур-ғур (ғурунг-ғурунг, шикоят, гила) кардан; **~ на судьбу** аз қисмат шикоят кардан 2. *уст.* шав-шув кардан, шар-шар кардан; **ропщут волны** мавҷҳо шаввос мезананд

рос||а *ж* шабнам; жола; **утренняя ~а** шабнами саҳар; **капли ~ы** қатраи шабнам ◇ **медвяная ~а** *бот.* шакарак; **мучнистая ~а** *бот.* ширинча; **до ~ы** то саҳар, хеле барвақт

росинк||а *ж* як қатра шабнам, қатраи шабнам; катра ◇ **у меня маковой ~и во рту не было** заррае хӯрок ба даҳон набурдаам

росист||ый, -ая, -ое (росист-а,-о) шабнампуш; сершабнам, шабнамдор; **~ая трава** алафи шабнампуш; **~ое утро** саҳарии сершабнам

роситься *несов.* шабнампуш шудан

роскошество *с* 1. ҷалолат, шавкат, дабдаба, шукуҳ 2. *разг.* ифроткорӣ, исрофкорӣ

роскошествовать *несов.* 1. бо шукуҳ (бо ҳашамат) зиндагонӣ кардан; калон-калон харҷ кардан 2. *разг.* сарфи барзиёд кардан, катта-катта харҷ кардан

роскошничать *несов. разг. см.* **роскошествовать**

роскошно *нареч.* 1. бо шукуҳ, бо ҳашамат, бо дабдаба, бо карруфар; **~ одетый** бо карруфар либоспушида 2. *разг.* бисьёр нағз, хеле хуб

роскошн||ый, -ая, -ое (роскошен, -на, -но) 1. бошукуҳ, пуршукуҳ, боҳашамат, бокарруфар, бодабдаба; **~ый кабинет** кабинети пуршукуҳ; **~ые туалеты** сарулибоси бокарруфар; **~ое издание книги** нашри пуршукуҳи китоб 2. исрофкор(она); **вести ~ый образ жизни** зиндагонии исрофкорона ба сар бурдан 3. *разг.* бисьёр нағз (хуб), хеле хуб, бодабдаба; **~ый обед** зиёфати бодабдаба 4. *разг.* фаровон, серупур; **~ый край** кишвари серупур

роскош||ь *ж* 1. шукуҳ, ҳашамат, карруфар, ҷалол, бошукуҳӣ; **~ь обстановки** ҳашамати асбот; **жить в ~и** бо ҳашамат зиндагонӣ кардан 2. ифроткорӣ 3. сабзу хуррамӣ, фаровонӣ; **~ь южной природы** сабзу хуррамии табиати ҷануб 4. *в знач. сказ. разг.* корӣ калон аст, бисьёр хуб (нағз) аст; **это вино ~ь!** ин май кори калон аст!; **это уж ~ь!** ин ҳашамати барзиёд аст ◇ **позволить себе ~ь** каттагӣ (калонхарҷӣ) кардан

рослость *ж* қадбаландӣ, қаддарозӣ, навча будан(и)

рослый, -ая, -ое қадбаланд, баланд, қаддароз, навча; **~ парень** ҷавони қадбаланд

росный I, -ая, -ое: **~ ладан** мушки шамшод

росный II, -ая, -ое *обл.* шабнамдор, сершабнам

роспашь *ж обл.* шудгор, замини шудгоршуда

роспис||ь *ж* 1. *(по знач. гл.* **расписать** 3) нақш, нақшу нигор; **при-**

ступить к ~и потолка и стен ба нақшу нигори шифт ва деворҳо шуруъ кардан 2. суратҳои девор, нақшу нигори девор 3. *уст.* руйхат; ~ь **доходов и расходов** руйхати даромад ва баромадҳо

росплывь *ж лес.* салрони *и. собир.* сал

роспуск *м* 1. *(по знач. гл.* **распустить** 1) ҷавобдиҳи, ҷавоб додан(и); парокандакунӣ, мураххаскунӣ; ~ **учащихся на каникулы** ба таътил ҷавоб додани хонандагон 2. *лес. см.* **росплывь**

роспуски *мк.. мн. обл.* аробаи (чанаи) чубкашонӣ

росс *м уст. поэт.* рус, марди рус

российский, -ая, -ое русӣ, ...и Россия; **Российская Советская Федеративная Социалистическая Республика** Республикаи Советии Социалистии Федеративии Россия

россиянин *м уст.* россиягӣ, рус

россиянка *ж уст.* русзан, руcдухтар, россиягӣ

россказни *мк. мн. разг.* лофу газоф. сафсата, афсона; **пустые** ~ лофу газофи беҳуда

росстань *ж обл.* дуроҳа, чорроҳа

россыпн||ый, -ая, -ое *геол.* пароканда; ~**ое золото** тиллои парокандаи кон

россып||ь *ж* 1. *(по знач. гл.* **рассыпать** 1) резучош; ~ь **зерна** резучоши ғалла 2. *геол.* кони пароканда; **золотые** ~и кони парокандаи тилло 3. *геол.* сангтуда, тудаи сангреза; **каменные** ~и сангтуда 4. *в знач. нареч.* **россыпью** чош-чош, чошу пош, рехта, бехалта; **грузить зерно** ~ью ғалларо бехалта бор кардан 5. *лес. см.* **росплывь; 6.** *ком.* резу чошхурӣ, камшавӣ *(рехтани молҳои пошхуранда дар мавриди баровардану фуровардан ва кашонидани он)*

рост *м* 1. расиш, нуму, расидан(и), сабзиш, калоншавӣ; ~ **волос** расидани муй; **ребёнок остановился в** ~е кудак аз қадкашӣ монд; ~ **растений** сабзиши растаниҳо 2. афзоиш, зиёдшавӣ; пуркувватшавӣ, беҳтаршавӣ; ~ **населения** афзоиши аҳолӣ; ~ **городов** зиёдшавии шаҳрҳо; ~ **покупательной способности** афзоиши қобилияти харидорӣ; ~ **благосостояния трудящихся** афзоиши некуаҳволии меҳнаткашон 3. инкишоф, тараққӣ, пешравӣ, афзоиш, нашъунамо; **творческий** ~ **писателя** инкишофи эҷодии нависанда 4. қад, қомат; **высокого** ~а қадбаланд, қоматбаланд; **низкого** ~а қадпаст; **быть** ~**ом с кого-л.** баробари қади касе будан; **в человеческий** ~ баробари қади одам; ~**ом не вышел** қадпаст аст, пакана аст 5. *уст.* фоида; **отдавать деньги в** ~ пулро ба фоида додан ◇ **болезни** ~**а** иллатҳои инкишоф; **во весь** ~ 1) бо тамоми қад, қад кашида, қаду қоматро рост карда 2) *(об изображении человека)* барқад 3) қатъӣ, кундаланг; **ставить вопрос во весь** ~ масъаларо қатъӣ гузоштан; **на** ~ қадкаширо ба назар гирифта; **покупать на** ~ калоншавиро ба назар гирифта либос харидан; **шить на** ~ қадкаширо ба назар гирифта либос духтан; **по** ~**у** мувофиқи (муносиби) қаду қомат; **костюм не по** ~**у** костюм муносиби қаду қомат не

ростбиф *м кул.* ростбиф *(як навъ гуштбирьён)*

ростепель *ж обл.* гармшавӣ, гармии ҳаво, мулоимии ҳаво *(дар зимистон ё дар сари баҳор)*

ростковый, -ая, -ое ...и неш

ростов||ой, -ая, -ое 1. ...и расиш, ...и нуму, сабзанда, расанда, калоншаванда, ...и сабзиш, ...и калоншавӣ; ~**ые побеги** навдаҳои сабзанда 2. расонанда, сабзонанда, калонкунанда; ~**ые вещества** моддаҳои сабзонанда

ростовщик *м* судхур, фоидахур

ростовщица *женск. к* **ростовщик**

ростовщический, -ая, -ое ...и судхур, ...и судхурӣ, ...и фоидахур, ...и фоидахурӣ; ~ **капитал** сармояи судхурӣ

ростовщичество *с* судхурӣ, фоидахурӣ

рост||ок *м* 1. неш; **семена пустили** ~**ки** тухмиҳо неш задаанд 2. *чаще мн.* **ростки** *перен.* аломатҳои аввалин; ~**ки дружбы** аломатҳои аввалини дӯстӣ

ростр *м ист.* ростр *(нуги тези ба сари ҳайвон монанди киштии ҳарбӣ, ки дар замони Рими Қадим бо вай киштии душманро мезаданд)*

ростра *ж* 1. *ист.* ростра, минбар *(дар Рими Қадим, минбари форум, ки бо нуги пеши киштиҳои ба даст даровардаи душман оро дода мешуд)* 2. *архит.* ростра *(зебу зинати сутунҳои бино, ки монанди нуги пеши киштиҳои қадиманд)*

ростральн||ый, -ая, -ое *архит.* рострадор; ~**ая колонна** сутуни рострадор

ростры *мк. мн. мор.* рострҳо *(ҷои махсуси киштӣ барои ҷойгир кардани завриқ ва катерҳо)*

росчерк *м* думи қачу килебии ҳарфҳо, печу тоби ҳарфҳо, думи қачу килебии ҳарфи охирини имзо ◇ **[одним, единым]** ~**ом пера** бо як қалам задан, наандешида имзо карда

росянка *ж бот.* мушлак

росян||ой, -ая, -ое ...и шабнам; ~**ая капля** қатраи шабнам

рот *м* 1. даҳон, даҳан; **большой** ~ даҳони калон; **дышать ртом** бо даҳон нафас кашидан; **полоскать** ~ даҳонро чайқондан 2. *(пасть, зев, клюв)* даҳон, ком, минқор 3. *перен., прост.* хуранда, нонхур; **лишний** ~ хурандаи барзиёд; **в семье пять ртов** дар оила панҷ хуранда ◇ **во весь** ~ бо тамоми овоз; **каша во рту у кого-л.** ба даҳонаш об гирифтагӣ барин; **разиня** ~ *прост.* фикр накарда, бемулоҳиза, андеша накарда; **с пеной у рта** бо ҳарорат, ғазаболудона; **закрыть (зажать, заткнуть)** ~ **кому-л.** *прост.* даҳони касеро бастан; **не брать в** ~ *чего* ба даҳон нагирифтан, нахурдан, нанушидан; **разинуть** ~ *прост.* 1) ба гап сар кардан 2) бисёр парешонхотир будан 3) дар ҳайрат мондан; **раскрыть (открыть)** ~ 1) *прост.* лаб ба сухан кушодан, ба гап сар кардан 2) ҳайрон шудан, даҳон кушода мондан; **смотреть в** ~ **кому-л.** 1) ба хурокхурии касе нигоҳ карда мондан 2) сухани касеро тамаллуқкорона гӯш кардан; **как будто (словно, точно) воды в** ~ **набрал** даҳон мум кардагӣ барин, ба даҳон талқон гирифтагӣ барин; **мимо рта прошло** муяссар нашуд; **пальца в** ~ **не клади кому-л.** салларо гӯй калларо меоварад; **разжевать и в** ~ **положить** хоида додан, хоида ба даҳан андохтан, муфассал фаҳмонида додан; **смешинка в** ~ **попала кому-л.** хандааш гирифтааст, хандааш омадааст, даҳонаш пури ханда; **хлопот полон** ~ ба сар хордан ҳам вақт надорад; кораш аз мӯи сараш ҳам зиёд аст

рот||а *ж воен.* рота *(қисми қушун, ки як ҷузъи баталъон мебошад)*; **стрелковая** ~а ротаи тирандозон; **командир** ~ы командири рота; **арестантские** ~ы *ист.* ротаҳои маҳбусон *(яке аз навъҳои ҷазо дар Россияи тореволюционӣ)*

ротапринт *м* ротапринт *(мошини хурди чопии нусхабардорӣ)*

ротатор *м* ротатор *(асбоби нусхабардорӣ аз дастнависҳо, суратҳо ва нақшаҳо)*

ротаторн||ый, -ая, -ое ротаторӣ, ...и ротатор; ~**ая бумага** коғази ротаторӣ

ротацизм *м* лакнатдорӣ *(нодуруст талаффуз кардани ҳарфи «р»)*

ротационн||ый, -ая, -ое: ~**ая машина** *полигр.* мошинии ротационӣ *(мошини махсус барои тез чоп кардани тиражи калони газета ё китоб)*

ротация *ж полигр.* *(ротационная машина)* мошини ротационӣ

ротмистр *м воен. уст.* ротмистр *(рутбаи офицерӣ дар қушунҳои саворон Россияи тореволюционӣ, ки ба унвони капитани қушунҳои пиёдагард баробар буд)*

ротный, -ая, -ое *воен.* ...и рота; ~ **командир** *и в знач. сущ.* **ротный** *м* командири рота

ротов||ой, -ая, -ое даҳонӣ, ...и даҳон; ~**ое отверстие** сурохи даҳон

ротозей *м разг.* 1. даҳаньяла, даҳонвоз, даҳонкушода 2. одами ҳапал (парешонхотир)

ротозейка *женск. к* **ротозей**

ротозейничать *несов. разг.* даҳаньяла будан, даҳаньялаги кардан

ротозейство *с разг.* даҳаньялагӣ, даҳанвозӣ

роток *м уменьш. к* **рот** 1; **на чужой** ~ **не накинешь платок** *погов.* ~ даҳони ҳамаро баста наметавонӣ

ротонда *ж* 1. *архит.* ротонда *(иморати гирдаи қаторсутуни гунбаздор)*; 2. *(женская одежда)* ротонда, либоси беостини занона

ротор *м тех.* ротор; ~ **насоса** ротори насос

роторный, -ая, -ое *тех.* ...и ротор, роторӣ; ~ **экскаватор** экскаватори роторӣ

рохля *м, ж прост.* одами фаҳўл (лаванд) ҳапал

роща *ж* чакалак; **дубовая ~** чакалаки дарахти булут

роялизм *м книжн.* шоҳпарасти

роялист *м книжн.* шоҳпараст

роялистка *женск. к* **роялист**

роялистский, -ая, -ое *книжн.* ...и шоҳпарастӣ. ...и шоҳпараст

роял||ь *м* рояль; **играть на ~е** рояль навохтан; **настроить ~ь** рояльро соз кардан

рояльн||ый, -ая, -ое ...и рояль; **~ые струны** торҳои рояль

ртутн||ый, -ая, -ое симоби, ...и симоб, симобдор; **~ая руда** маъдани симобдор; **~ый термометр** термометри симобӣ

ртуть *ж хим.* симоб

рубай *ж нескл. поэт.* рубой

рубака *м разг.* шамшерзан

рубан||ок *м* ранда; **строгать ~ком** ранда кардан

рубануть *сов. однокр. к* **рубить**

рубаха *ж см.* **рубашка** I ◇ **~-парень** *прост.* одами дилкушод; **своя ~ ближе к телу** *посл.* аввал хеш баъд дарвеш

рубашечный, -ая, -ое ...и курта

рубашк||а *ж* 1. курта, пироҳан; **мужская ~а** куртаи мардона; **нижняя ~а** куртаи таг; **ночная ~а** куртаи хоб; **шёлковая ~а** куртаи шоҳи 2. *(изнанка игральных карт)* пушти қартаҳо *(оид ба қартаҳои бозӣ)* 3. *спец. (масть)* ранг 4. *разг.* пардаи чаниш 5. *спец.* қишр, пуст; **~а зерна** қишри гандум; **~а кокона** пусти пилла; **~а плода** пусти мева ◇ **оставить в одной ~е** лублуч монондан; **остаться в одной ~е** лублуч мондан; **родиться в ~е** некбахт зоида шудан

рубашонка *ж разг. уменьш. к* **рубашка** куртача, куртаи бачагона

рубеж *м* 1. ҳад, ҳудуд, сарҳад; **естественный ~** ҳудуди табиӣ; **охранять ~й нашей Родины** сарҳадҳои Ватани моро посбонӣ кардан; **за ~ом** дар хориҷа 2. *перен.* ҳад, ҳудуд, арафа; **на ~е новой эпохи** дар арафаи даврани нав 3. *воен.* ҳудуд, хаг; **оборонительный ~** хати мудофиа

рубероид *м* рубероид *(як навъи толь)*

рубероидный, рубероидовый, -ая, -ое ...и руберонд

руб||ец *м* 1. захми (изи) зарба, доғи (изи) теғ; **~цы от побоев** изи зарба; **сабельный ~ец** доғи шамшер 2. чок, дарз, кук 3. *анат.* шикамба *(кушанье)* гипо

рубидиевый, -ая, -ое *хим.* ...и рубидий, рубидийдор

рубидий *м хим.* рубидий *(элементи химиявӣ, металли нарми нуқрарангн сафедтоб)*

Рубикон *м:* **перейти Рубикон** кадами қатъӣ гузоштан, ба карори қатъӣ омадан

рубило *с археол.* теғасанг

рубильник *м* рубильник *(олати қатъу васл кардани ҷараёни электрик)*

рубин *м* лаъл, ёқути сурх; **кольцо с ~ом** ангуштарини ёқутнигин, ангуштарини лаълдор

рубинов||ый, -ая, -ое 1. ...и лаъл, ...и ёқут; лаълдор, ёқутдор; **~ые серьги** гушвори лаъл 2. лаълфом, лаългун, лаъл барин сурх, ёқутӣ; **~ого цвета** ёқутранг, рангаш ёқутӣ

рубить *несов.* 1. *что* зада буридан, кафондан; **~ дрова** ҳезум кафондан 2. реза кардан, пора-пора кардан, қима кардан, куфтан; **~ капусту** карамро реза кардан 3. *горн.* кандан, ҳосил кардан, кофта баровардан; **~ уголь** ангишт кандан 4. *что* буридан, ғалтондан, афтондан; **~ деревья** дарахтҳоро буридан; **лес рубят — щепки летят** *посл.* ≈ дарахтро занӣ — шохаш меларзад 5. *кого* задан, бо шамшер задан, куфтан; **~ врага** душманро бо шамшер задан 6. *что и без доп. перен. разг.* сахт-сахт гап задан; қатъӣ амал кардан, гапи сахт гуфтан; **~ правду в глаза** руйрост ҳаққи гапро гуфтан 7. *что* сохтан; **~ избу** хонаи чубин сохтан

рубиться *несов.* шамшерзанӣ (занозанӣ) кардан

рубище *с* хирқа, жанда, ҷулхуиди; **старик в ~** пири ҷулхундипуш

рубка I *ж (по знач. гл.* **рубить** 1—4, 7) кафондан(и), поракунӣ, қимакунӣ; буридан(и); *(по знач. гл.* **рубиться**) шамшерзанӣ, занозанӣ; **~ дров** ҳезумкафонӣ; **~ леса** ҷангалбурӣ; **завязалась ожесточённая ~** шамшерзании пуршиддат сар шуд

рубка II *ж* ҳуҷра *(дар болои киштӣ, дар дирижабль, дар радиостанция ва г.)*, **капитанская ~** ҳуҷраи капитан

рублёвик *м уст. разг. см.* **рублёвка**

рублёвка *ж разг.* яксума

рублёвый, -ая, -ое яксумӣ; **~ билет** билети яксума

рублен||ый, -ая, -ое 1. қима, куфта, реза; **~ое мясо** гушти қима 2. чубин, аз чуб сохташуда, чубкорӣ; **~ый дом** хонаи чубин

рубл||ь *м* сум, як сум; **серебряный ~ь** яксумаи нуқра **бить ~ём** ҷарима андохтан; аз киса задан

рубнуть *сов. однокр. к* **рубить** 1, 2, 3

рубрика *ж* 1. *(в газете, журнале и т. п.)* сарлавҳа, сарлавҳаи фасл, сарлавҳаи боб 2. *(графа)* қисм, шўъба, ҷадвал

рубрикация *ж* ба сарлавҳаҳо (ба бобҳо, ба фаслҳо) ҷудокунӣ

рубцевание *с (по знач. гл.* **рубцеваться**) гуштпуркунӣ

рубцеваться *несов.* гушт пур кардан *(оид ба ҷароҳат)*

рубчат||ый, -ая, -ое 1. раҳдор, раҳ-раҳ, пилта-пилта, пилтадор; **~ая материя** матои пилтадор, матои раҳдор 2. доғдор, пайдор, издор; **~ая кожа** пусти доғдор

рубчик *м* 1. *уменьш. к* **рубец** 1, 2; 2. пилта-пилта, пилтача-пилтача; **драп в ~** пилтадрап, драпи раҳдор

ругань *ж* дашном, ҳақорат; **наброситься с ~ю** бо дашном (бо ҳақорат) дарафтидан, дашномборон кардан

ругатель *м разг.* ҳақоратчи, дашномчӣ, бадзабон, бадгўй

ругательн||ый, -ая, -ое ҳақоратомез, пур аз дашном; **~ые слова** алфози ҳақоратомез

ругательски *нареч. разг.:* **~ ругать** беадабона ҳақорат кардан, бо алфози қабеҳ коҳиш додан

ругательский, -ая, -ое *см.* **ругательный**

ругательство *с* ҳақорат, дашном, алфози қабеҳ

ругать *несов. кого-что* дашном додан, ҳақорат кардан // мазаммат (сарзаниш, маломат) кардан; **~ статью** мақоларо сахт танқид кардан

ругаться *несов.* 1. дашном додан, ҳақорат кардан 2. *с кем* якдигарро ҳақорат кардан; мунокиша кардан, ба якдигар гаппарони кардан; ҷанҷол кардан

ругнуть *сов. однокр. к* **ругать**

ругнуться *сов. однокр. к* **ругаться**

ругня *ж прост.* дашном, ҳақорат

руготня *ж прост. см.* **ругня**

руда I *ж* маъдан; **железная ~** маъдани оҳан; **медная ~** маъдани мис

руда II *ж уст. (кровь)* хун

рудимент *м* 1. *биол. (рудиментарный орган)* аъзои боқи 2. *перен. книжн. (пережиток)* боқимонда *(оид ба ирфу одат)*

рудиментарный, -ая, -ое *биол.* ...и аъзои боқи

рудник *м* кон, маъдан; **железный ~** кони оҳан

рудников||ый, -ая, -ое ...и кон, ...и маъдан; **~ые рабочие** коргарони кон

рудничный, -ая, -ое ...и кон, ...и маъдан, кони, маъдани; **~ газ** гази кон

руди||ый, -ая, -ое ...и маъдан, маъдани, маъдандор; **~ые месторождения** кони маъдан, кон; **~ые ископаемые** канданиҳои маъдани

рудо-жёлтый, -ая, -ое *уст.* зарди сурхчатоб, норанҷӣ

рудокоп *м уст.* конкан

рудоносный, -ая, -ое (рудонос|ен, -на, -но) маъдандор; **~ слой** қабати маъдандор

рудоподъёмн||ый, -ая, -ое маъданбардор, маъданкаш; **~ая машина** мошини маъданкаш

рудопромывочный, -ая, -ое ...и маъданшуӣ, маъданшуй

рудоуправление *с* идораи кон

ружейник *м* милтиқсоз, туфангсоз; коргари сехи аслиҳасозӣ

ружейный, -ая, -ое ...и милтиқ, ...и туфанг; **~ патрон** тири милтиқ; **~ выстрел** овози тири милтиқ

ружь||ё *с* милтиқ, туфанг; **охотничье ~ё** милтиқи шикорӣ; **зарядить ~ё** ба милтиқ тир ҷой кардан, милтиқро пур кардан; **стрелять из ~я** милтиқ паррондан ◇ **в ~ё!** *воен.* туфа-а-нг гир! *(фармони ҳарбӣ, барои аслиҳаро гирифта ба саф истодан)*, **быть (на-**

ходиться) под ~ём 1) *(быть на военном положении)* дар ҳолати ҳарбӣ будан; 2) *(служить в армии)* дар хизмати аскарӣ (ҳарбӣ) будан; **поставить под ~ё** *уст.* милтиқ ба даст шах шуда рост истодан *(навъи ҷазои ҳарбӣ дар армияи подшоҳӣ)*; **призвать под ~ё** ба хизмати ҳарбӣ даъват кардан, ба аскарӣ гирифтан

руин||а *ж* 1. *чаще мн.* **руины** *книжн.* димна; **~ы крепости** димнаи қалъа 2. *перен. разг.* чоли фарсуда

рук||а *ж* 1. даст; **кисть ~и** панҷаи даст; **пальцы на ~е** ангуштҳои даст; **левая ~а** дасти чап; **по левую руку** тарафи дасти чап; **по правую руку** тарафи дасти рост; **брать в руки (на руки)** ба даст гирифтан; **брать за руку кого-л.** касеро аз даст гирифтан; **брать из рук у кого-л.** аз дасти касе гирифтан; **выронить из рук** аз даст додан; **держать за руку** аз даст доштан; **заложить руки за спину** даст ба пушт кардан; **перчатки по ~е** дастпушакҳо лоиқи даст; **отдать в собственные руки** ба дасти худаш супурдан; **подать руку** даст додан; **пожать руку кому-л.** дасти касеро фушурдан; **прижать руку к сердцу** даст ба сина гузоштан 2. *с определением* даст; одам; **твёрдая ~а** дасти тавоно; **опытные руки** дастони моҳир; **умелые руки** одами боҳунар 3. хат; **это его ~а** ин хати ӯст; **чёткая ~а** хати хоно 4. *мн.* **руки** коргар, коркун, қувваи коргарӣ; **не хватало рабочих рук** коргар намерасид 5. *разг.* пуштибон, ҳомӣ, пушту паноҳ; **своя ~а** одами худӣ, ошно; **сильная ~а** пуштибони боэътимод; **иметь руку** ҳомӣ доштан, пушту паноҳ доштан 6. *уст.:* **отдать кому-л. руку [и сердце]** касеро шавҳар ихтиёр кардан; **просить чьей-л. ~и** касеро ба занӣ хостан; **предложить руку и сердце** *кому уст.* таклифи издивоҷ кардан 7. *разг.* дараҷа, рутбаи касбӣ; **токарь первой ~и** харроти забардаст (моҳир), харроти дараҷаи якум; **большой ~и негодяй** нобакори гузаро 8. *с предлогом «под» и определением* дар ҳолати ... дар вазъияти; **под пьяную руку** дар ҳолати мастӣ ◊ **золотые руки** 1) устои гулдаст 2) **у кого-л.** дасташ гул аст 3) ҳунарварӣ; **лёгкая ~а** дасти сабук; **правая ~а** дасти рост; **средней ~и** миёна, миёнахел; **тяжёлая ~а** дастони бехосият; **щедрою ~ою, щедрой ~ой** бо дасти кушод, сахиёна; **в ~ах кого-л., чьих-л., у кого-л.** дар ихтиёри касе; **на ~ах кого-л., чьих-л., у кого-л.** 1) дар парастории касе 2) дар ихтиёри касе; **не с ~и** *кому* нокулай, носоз, нобоб; **от ~и (писать, рисовать)** бо даст (дастӣ, бо қалам) навиштан (расм кашидан); **по ~ам!** розӣ!, хуб, майлаш!; **под ~ой** наздикак, дар зери даст; **под руку** аз култук (аз бағал) гирифта; **взять под руку кого-л.** бағали касе гирифтан; **под руку говорить** *кому* бемаврид гап зада халал расондан; **под руку подвернуться (попасться)** *кому* нохост ба даст афтодан; **~ами и ногами, с ~ами и ногами, с ~ами-ногами** 1) *бо ҷону дил* 2) тамоман, комилан; **~а об руку** даст ба даст; **руки вверх!** даст боло кун!; **руки коротки** *у кого* зур намерасад; **~ой не достать (не достанешь)** дастнорас будан, даст кутоҳӣ мекунад; **руки не доходят** даст намерасад, фурсат нест; **~а не дрогнет у кого-л.** мижааш ҳам намехурад; **руки опустились (отнялись)** *у кого* ҳавсала пир шуд; **~ой подать** бисьёр наздик; **руки прочь!** *от кого, чего* дафъ шав(ед)!, даст каш(ед)!, даст бардор!, дастатро гир!; **руки чешутся у меня** 1) дастҳоям касеро зан мегуянд 2) дастҳоям кор талаб мекунанд; **в наших (ваших, его** *и т. д.*) **~ах** дар ихтиёри мо (шумо, вай *ва ғ.*); **из рук в руки, с рук на руки** даст ба даст, бевосита; **из рук вон (плохо)** бисьёр бад, аз ҳад зиёд ганда; бади бад, гандаи ганда; **из вторых рук [узнать, получить]** аз даҳони касе [фаҳмидан, шунидан]; **из первых рук [узнать, получить]** аниқ, яқин [фаҳмидан, гирифтан]; **как без рук** *без кого-чего* ноуҳдабаро; **как ~ой сняло** ту дидӣ ман надидам шуд, тамоман нест шуд; **на живую руку** шитобкорона, саросемавор, муваққатан; **на скорую руку** ҳарому-ҳариш, даст ба даст нарасида; **на руку нечист (нечистый)** дасташ қалб; **положа руку на сердце** кушоду равшан, руйрост; **скор на руку** 1) зуд ҷазодиҳанда 2) тезкор, абҷир, тездаст; **с лёгкой ~и чьей-л.** бо ташаббуси касе; **с пустыми ~ами** бо дасти холӣ, дастхолӣ; **с рук долой** аз сар соқит; **с ~ами оторвать** чанг зада гирифтан; **брать голыми ~ами** осон ба даст даровардан; **взять себя в руки** худдорӣ кардан, худро ба даст гирифтан; **выпустить из рук** аз даст додан (баровардан); **дать волю ~ам** 1) даст задан, даст расондан, даст дароз кардан 2) куфтан, задан, занозанӣ кардан; **дать по ~ам кому-л.** *прост.* дасти касеро кутоҳ кардан; **держать в ~ах** 1) *что* дар даст доштан 2) *кого* дар тахти назорати худ гирифтан; **держать бразды правления в своих ~ах** инони ҳокимиятро дар дасти худ доштан; **держать власть в своих ~ах** ҳокимиятро дар дасти худ нигоҳ доштан; **держать вожжи в ~ах** *зимом* дар даст доштан; **держать себя в ~ах** худдорӣ кардан; **забрать в [свои] руки** ба даст гирифтан, мутеъ кардан; **запустить руку** *во что, куда* аз они худ кардан, соҳибӣ кардан; **играть в четыре ~и** дукаса рояль навохтан; **играть на руку кому-л.** ба осиёи касе об рехтан; **иметь (держать) в [своих] ~ах** *что* доштан, соҳиб будан; **ломать руки** даст бар сар задан, афсус хурдан; **марать (пачкать) руки** 1) **об кого-л.** бо нокасе сару кор доштан 2) **обо что-л.** ба чизе даст олондан, ба кори баде даст задан; **махнуть ~ой на кого-что-л.** даст афшондан, аз баҳри касе, чизе гузаштан; **набить руку** *в чём, на чём* моҳир шудан, малака ҳосил кардан, ёд гирифтан; **нагреть руки** *на чем* бо фиребу қаллобӣ бой шудан, таматтуъ бурдан; **наложить руку (лапу)** *на что* зердаст (мутеъ) кардан; **наложить на себя руки** худро куштан; **не знать, куда руки деть** аз шарм саросема шудан, аз ҳиҷолат худро гум кардан; **носить на ~ах** *кого* 1) болои даст бардошта гаштан 2) эрка кардан, ба ноз парваридан; **обагрить руки кровью (в крови)** одам куштан, хун рехтан; **опустить руки** аз сари худ соқит кардан; **отбиться от рук** бенухта (бесар, вайрон) шудан; **отмахиваться ~ами и ногами, отмахиваться обеими ~ами** қатъиян даст кашидан; **плыть в руки** осон (муфт) ба даст даромадан; **подать (протянуть) руку [помощи]** *кому* дасти ёрӣ дароз кардан; **поднять руку на кого-л.** 1) бар зидди касе даст бардоштан 2) дасти таадди (таҷовуз) дароз кардан; **покупать с рук** аз даст харидан; **попасть (попасться) в руки** *кого-л., чьи-л., кому-л., к кому-л.* 1) зердасти касе шуда мондан 2) ба дасти касе афтидан; **попасть под горячую руку кому-л.** ба ғазаби касе гирифтор шудан; **прибрать к ~ам** 1) *кого* ба тасарруфи худ даровардан, зердаст кардан 2) *что* ба дасти худ гирифтан; **приложить руку (руки)** *к кому, к чему* даст задан, дар коре иштирок кардан; **приложить руку** *к чему, под чем уст.* даст мондан, имзо гузоштан; **продать в одни руки** ба як кас фурухтан; **пройти между рук** беҳуда сарф шуда мондан, бар бод рафтан *(оид ба пул)*; **развязать руки кому-л.** ихтиёр ба дасти касе додан; **сбыть (спустить) с рук** *кого-что* 1) фурухта халос шудан 2) халос шудан; **связать по ~ам и ногам кого-л.** дасту пои касеро бастан; **связать руки кому-л.** ҳуқуқи касеро маҳдуд кардан; **сидеть сложа руки** бекор нишастан, даст ба киса зада гаштан; **сложить руки** даст кашидан, дигар ба коре даст назадан; **сойти с рук** 1) *кому* бе ҷазо мондан, бе оқибат мондан 2) навъе гузаштан, бе ҷанҷол гузаштан; **стоять (держать) руки по швам** хода барин рост истодан; **умыть руки** аз сари худ соқит кардан; **ухватиться обеими ~ами за что-л.** ба чизе дудаста часпида гирифтан; **всё валится из рук** *у кого* 1) кор пеш намеравад 2) ҳавсала нест; **даю руку на отсечение** ба ҷонам қасам; **дело горит в ~ах** *у кого* кор ба дасти кордон аст; **дело рук чьих-л.** ин кори вай; **и карты (книги) в руки кому-л.** панҷ панҷааш барин медонад; **мастер на все руки** ба ҳар кор усто, ҳаркора, даҳ ангушташ ҳунар; **охулки на руку не положит** *прост.* девона ба кори худ ҳушьёр; **сон в руку** хоб рост баромад; **~а руку моет** *погов.* ≈ даст дастро мешуяд; **чужими ~ами жар загребать** *погов.* ≈ бо дасти ғайр оҳаки тафта хамир кардан

рукав *м* 1. *(одежды)* остин; длин-

ные ~**а́** остинҳои дароз; **узкий** ~ остини танг 2. *геогр.* шохоб; ~ **реки** шохоби дарьё 3. *тех.* руда; **пожарный** ~ рудаи оташхомушкунӣ. рудаи оташкушӣ ◇ **спустя** ~**а** бо дили нохоҳам, мусоҳилакорона

рукави́ц||а *ж* дастпушаки бепанча; **меховы́е** ~**ы** дастпушакҳои муинагӣ ◇ **держа́ть кого́-л. в ежовых** ~**ах** инони ихтиёри касеро маҳкам дар даст доштан

рукави́чк||а *ж уменьш. к* **рукави́ца**; **де́тские** ~**и** дастпушакчаҳои бачагона

рукавный, -ая, -ое ...и остин

рука́вчик *м* 1. *уменьш. к* **рукав**; 2. *чаще мн.* **рука́вчики** *уст.* (*манжеты*) нуги остин, нугостин

рукастый, -ая, -ое (рукаст, -а, -о) *прост.* дасткалон, дастдароз

рукоби́тье *с уст.* 1. баракадиҳӣ, баракакунӣ (*расми ба ҳамдигар даст додани молфурушу харидор дар аснои хариду фуруш*) 2. қабулдорамкунӣ (*гирифтани розигии падари арус ва ҷавон дар бораи никоҳи духтар*)

рукоблу́дие *с разг.* кафакӣ

руковод *м уст. прост.* роҳбар, роҳнамо, сардор

руководи́тель *м* роҳбар, роҳнамо, сардор; ~ **кружка́** роҳбари кружок; **классный** ~ роҳбари синф

руководи́тельница *женск. к* **руководитель**

руководи́тельский, -ая, -ое роҳбарӣ, роҳнамоӣ, сардорӣ, ...и роҳбар, ...и роҳнамо, ...и сардор

руководительство *с уст. книжн.* роҳнамоӣ, дастурдиҳӣ

руководи́ть *несов.* 1. *кем-чем* роҳбарӣ (раҳбарӣ, сардорӣ) кардан, дастур додан; ~ **рабо́чим движе́нием** ба ҳаракати коргарон роҳбарӣ кардан 2. *чем* идора (сардорӣ, мудирӣ) кардан; ~ **учреждением** ба идора сардорӣ кардан, сардори муассиса будан

руководи́ться *несов. чем* ба роҳбарӣ гирифтан, ба сифати дастур қабул кардан, аз руи дастур кор кардан, чизеро ба худ дастур додан; ~ **чьи́ми-л. указа́ниями** нишондодҳои касеро ба сифати дастур қабул кардан

руководство *с* 1. (*управление кем-чем-либо*) роҳбарӣ, роҳнамоӣ; **оперативное** ~ роҳбарии оперативӣ; **под непосре́дственным** ~**ом** дар таҳти роҳбарии бевосита 2. раҳнамо; ~ **к де́йствию** раҳнамои амал, раҳнамои ҳаракат 3. (*учебник, пособие*) китоб, китоби дарсӣ 4. *собир.* ҳайати роҳбарикунанда, роҳбарият, роҳбарон; ~ **института** роҳбарияти институт

руково́дствовать *несов. уст. см.* **руководи́ть**

руководствоваться *несов. см.* **руководи́ться**; ~ **правилами** мувофиқи қоида амал кардан

руководя́щ||ий, -ая, -ее роҳбарикунанда, роҳбарӣ; ~**ие кадры** кадрҳои роҳбарикунанда; ~**ие о́рганы** органҳои роҳбарикунанда; ~**ая роль па́ртии** роли роҳбарикунандаи партия

рукоде́ли||е *с* 1. кори дастии занона (*гулдузи, зеҳбофӣ, сузанидузӣ ва ғ.*) 2. гулдӯзӣ, тӯрбофӣ; **вы́ставка** ~**я** намоиши ҳунарҳои дастӣ

рукоде́льница *ж* занаки ҳунарманд, чевар; **она́ большая** ~ у чевари моҳир аст

рукоде́льничать *несов.* бо ҳунарҳои дастӣ машғул шудан

рукоде́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҳунари дастӣ; ~**ый кружок** кружоки ҳунарҳои дастӣ 2. *уст.* дастбоф, дастӣ; ~**ые кружева** ҳошияҳои турии дастбоф

рукокрылые *мн. зоол.* болдастон

рукомесло *с прост.* касб, ҳунар, пеша

рукомо́йник *м* офтоба, обдаста, дастшуяк, обрезак

рукопа́шн||ый, -ая, -ое 1. даст ба гиребон; ~**ый бой** ҷанги даст ба гиребон 2. *в знач. сущ.* **рукопашная** *ж то же, что* ~**ый бой**; **начала́сь** ~**ая** ҷанги даст ба гиребон сар шуд

рукописание *с уст. см.* **ру́копись** 1

рукописный, -ая, -ое 1. дастнавис, ...и китоби дастнавис; ~ **отде́л библиоте́ки** шуъбаи китобҳои дастнависи китобхона 2. дастнавис, дастхат, бо даст навишташуда; ~ **текст** матни дастнавис

ру́копись *ж* 1. дастнавис, нусхаи дастнавис; **машинопи́сная** ~ нусхаи мошинкагии дастнавис // *полигр.* нусхаи асл; оригинал 2. (*памятник древней письменности*) китоби дастнавис

рукоплескани́||я *мн.* (*ед.* **рукоплеска́ние** *с*) чапакзаниҳо, карсакзаниҳо; **гром** ~**й** гулдурроси чапакзаниҳо

рукоплеска́ть *несов.* чапак (карсак) задан

рукопожа́тие *с* дастфушурӣ; **кре́пкое** ~ дастфушурии самимона; **обменя́ться** ~**м** дасти ҳамдигарро фишурда вохурдани кардан

рукоприкладство *с* 1. *уст.* дастмонӣ, имзокунӣ 2. *разг.* шаппотизанӣ, латкунӣ, заниш, кӯбиш

рукоятка *ж* 1. (*часть ручного инструмента, оружия*) даста, қабза; ~ **кинжала** қабзаи ханҷар 2. (*часть механизма, прибора*) даста

рукоять *ж см.* **рукоя́тка** 1

рула́да *ж муз.* маргула

рулев||о́й, -ая, -о́е 1. ...и руль, ...и зимом, ...и суккон; ~**о́е управле́ние** ҷиҳозоти суккон 2. *в знач. сущ.* **рулево́й** *м* сукконбор ◇ ~**ы́е пе́рья** парраҳои думи паррандагон

руле́ние *с* (*по знач. гл.* **рули́ть**) самолётронӣ; самолётгардонӣ

руле́т *м* 1. (*окорок*) гушти сони ҳайвон 2. (*мясной, картофельный*) лулакабоб 3. (*сладкий пирог*) рулет (*навъе аз нонҳои ширин, ки дар байни қабатҳои химир ширинии ягон чизро молида мепазанд*)

руле́тк||а *ж.* 1. *тех.* (*лента*) рулетка, чентаноб 2. (*устройство для азартной игры*) чархи қимор // (*название азартной игры*) қиморбозӣ; **проигра́ть в** ~**у** дар қиморбозӣ бой додан

рули́ть *несов. ав.* 1. (*о лётчике*) самолётро дар руи замин рондан 2. (*о самолете*) дар руи замин гаштан

рулон *м* лулапеч; ~ **бума́ги** лулапечи қоғаз

руло́нн||ый, -ая, -ое ...и лӯлапеч; ~**ая бума́га** қоғази лулапеч

рул||ь *м* 1. руль, зимом; ~**ь автомобиля** рули автомобиль; **сиде́ть за** ~**ём** дар сари руль нишастан; **стоя́ть у** ~**я** инони идора дар даст доштан 2. *перен.* идора, роҳбарӣ, роҳбарият; ~**ь госуда́рственного управле́ния** роҳбарияти идоракунии давлат ◇ **без** ~**я́ и без ветри́л** бо ҳеҷ як максад; **ле́во (пра́во)** ~**я́!** *мор.* суккон ба чап (ба рост)!

румб *м мор.* 1. (*направление*) румб (*хатти ҳаракат ба нуқтаҳои ба назар намоёни уфуқи самтҳои дуньё ё кунҷи байни ду тараф*) 2. (*деление на круге компаса*) румб (*яке аз 32 ҳиссаи доираи компас*)

ру́мба *ж* румба (*як навъ рақс ва мусиқии он*)

ру́мбовый, -ая, -ое *мор.* ...и румб, румбӣ

ру́мпель *м мор.* румпель, дастаи чархи суккон, дастаи суккон

румы́н *м* румын

румы́нка *ж* румынзан, румындухтар

румы́нский, -ая, -ое ...и румын, ...и Румыния, румынӣ; ~ **язы́к** забони румынӣ

румы́ны *мн.* румынҳо (*аҳолии асосии Румыния*)

румя́на *тк. мн.* сурхӣ; **кра́сить щёки** ~**ми** ба рухсораҳо сурхӣ молидан

румя́н||ец *м* сурхии рухсор; **зали́ться** ~**цем** сурхи лолагун шудан

румяни||ть *несов.* 1. *кого-что* сурхи дамондан, сурх кардан; **моро́з** ~**т щёки** сармо ба рухсораҳо сурхӣ медамонад 2. *что* сурхӣ молидан 3. *что перен.* сурх (ранг) кардан

румяниться *несов.* 1. сурхӣ кашидан, сурх шудан 2. ба руи худ сурхӣ молидан 3. *перен.* сурх (ранг) шудан 4. пухта (бирьён шуда) сурх шудан

румя́ность *ж* сурхӣ; ~ **щёк** сурхии руй, сурхии рухсораҳо

румя́н||ый, -ая, -ое 1. сурх, сурхруй, сурхрухсор, лолагун; ~**ое лицо́** руи сурх, руи лолагун 2. *перен.* сурх, гулгун 3. норанҷӣ, сурхина

рунду́к *м* 1. (*ларь*) хамбаи гахтагин, сандуқи чубин 2. *обл.* (*площадка крыльца*) суфачаи дари даромад, саҳни болои зина

рунду́чный, -ая, -ое ...и хамбаи тахтагин, ...и сандуқи чубин, ...и суфачаи (саҳни) дари даромад

руни́ческ||ий, -ая, -ое: ~**ие пи́сьмена** *см.* **ру́ны** I

руно́ *с* (*шерсть овцы*) пашми гусфанд; **то́нкое** ~ пашми маҳини гусфанд ◇ **золото́е** ~ *миф.* пусти тилло

ру́ны I *мн.* (*ед.* **ру́на** *ж*) *филол.* рунаҳо (*навиштаҷоти қадим аксар аз они скандинавиҳо, ки дар руи санг ва чизҳои дигар боқӣ мондааст*)

ру́ны II *мн.* (*ед.* **ру́на** *ж*) (*песни*) рунаҳо (*сурудҳои халқии карелҳо ва финҳо*)

ру́пия *ж* рупия *(воҳиди пулии Хиндустон, Покистон ва баъзе давлатҳои дигар)*

ру́пор *м* 1. рупор, карнай *(карнаи махсус барои баланд кардани овоз)* 2. *перен.* мунодн, ҷорчӣ ◇ **сложи́ть ру́ки ~ом** кафҳоро карнай кардан

ру́порный, -ая, -ое ...и рупор, рупордор, карнайдор; ~ **громкоговори́тель** овозбаландкунаки карнайдор

руса́к *м охот.* заргуш, харгуши хокистарранг

руса́лии *тк. мн. ист.* русалия *(иди славянҳои қадим, ки дар он ба арвоҳи мурдагон дуо мехонанд)*

руса́л||ка *ж фольк.* парии обӣ *(дар афсонаҳо)*; **на стене́ висе́ло изображе́ние ~ки** дар девор расми парии обӣ овезон буд

руса́лоч||ий, -ья, -ье 1. ...и парии обӣ; **~ьи пля́ски** рақсҳои парии обӣ 2. дилфиреб, ҷозибадор, муаммодор; **~ий взгляд** нигоҳи ҷозибадор

руса́ч||ий, -ья, -ье *охот.* ...и харгуши хокистарранг; **~ья шку́ра** пусти харгуши хокистарранг; **~ий след** изи харгуши хокистарранг

русе́ть *несов. разг.* малламуй (малла) шудан

руси́зм *м лингв.* русизм *(ибора ё калимаҳое ки аз забони русӣ ба забони. дигар гузаштаанд ва ё ибораe ки дар ягон забон ба қолаби забони русӣ сохта шудааст)*

руси́ст *м* русист, мутахассиси забони русӣ, мутахассиси филологияи рус

руси́стика *ж филол.* русистика, филологияи рус *(маҷмӯи илмҳое, ки забон, адабиёт ва маданияти русро меомӯзад)*

руси́стский, -ая, -ое ...и русистика; ... и филологияи рус

ру́сло *с* 1. рудхона, маҷроъ; ~ **реки́** маҷрои дарьё 2. *перен.* роҳ, тариқ; меъёр; **жизнь вошла́ в норма́льное ~** ҳаёт ба роҳи муқаррариаш даромад

ру́слов||ый, -ая, -ое ...и рудхона, ...и маҷроъ; **~ые отложе́ния меша́ют судохо́дству** таҳшинҳои маҷро, ба киштигарди халал мерасонанд

руслоочисти́тельн||ый, -ая, -ое рудхонатозакунӣ, рудхонатозакунак, маҷротозакунанда; **~ые маши́ны** мошинҳои рудхонатозакунӣ

русоборо́дый, -ая, -ое (русобород, -а, -о) малларишн

русоволо́с||ый, -ая, -ое (русоволо́с, -а, -о) малламуй; **~ая де́вушка** духтараки малламуй

русоголо́вый, -ая, -ое (русоголов, -а, -о) малламуй

русоко́сый, -ая, -ое (русокос, -а, -о) маллакокул

русоку́дрый, -ая, -ое (русокудр, -а, -о) марғуламуи малла

ру́сская I *ж* зани (духтари) рус, русзанак, русдухтар

ру́сская II *ж* рақси русӣ ва мусиқии он

ру́сские *мн.* русҳо

ру́сский I *м* рус, марди рус

ру́сск||ий II, -ая, -ое 1. русӣ, ...и рус; **~ий язы́к** забони русӣ; **~ая культу́ра** маданияти рус 2. ...и Россия, ...и кишвари рус; **~ая исто́рия** таърихи Россия; **~ая приро́да** табиати кишвари рус ◇ **~ое ма́сло** равғани зард; **~ая печь** печи русӣ, оташдони русӣ; **~ая руба́шка** куртаи русӣ *(куртаи уребгиребон)*; **~ие сапоги́** музаи русӣ *(музаи соқдароз)*

руст *м архит.* санги деворӣ

ру́стика *ж архит.* сангкорӣ *(синъати махсуси чида шудани девор ё ҷойҳои дигари бино аз сангҳои барҷаста-руй)*

рустова́нн||ый, -ая, -ое *архит.* 1. *прич.* сангкорӣ кардашуда 2. *прил. (отделанный рустами)* ...и сангкорӣ; **~ые сте́ны** деворҳои сангкорӣ

рустова́ть *несов. что архит.* сангкорӣ кардан

рустова́ка *ж архит.* сангкорӣ

ру́с||ый, -ая, -ое (рус, -а, -о) малла; малламуй; **~ые ко́сы** кокулҳои малла; **~ая боро́дка** риши малла; **~ый па́рень** ҷавони малламуй

ру́та *ж бот* испанд, ҳазориспанд

руте́ниевый, -ая, -ое *хим.* ...и рутений

руте́ний *м хим.* рутений *(элементи химиявӣ аз гурӯҳи платинашакл-ҳо)*

рути́н||а *ж* кӯҳнапарастӣ, иртиҷоъпарастӣ; **боро́ться с ~ой** бо кӯҳнапарастӣ мубориза бурдан

рутинёр *м* кӯҳнапараст, иртиҷоъпараст

рутинёрка *женск. к* **рутинёр**

рутинёрский, -ая, -ое ...и кӯҳнапараст, ...и иртиҷоъпараст, ...и кӯҳнапарастӣ, ...и иртиҷоъпарастӣ

рутинёрство *с* кӯҳнапарастӣ, иртиҷоъпарастӣ

рути́нность *ж* кӯҳнапарастӣ, иртиҷоъпарастӣ, кӯҳнапарастона будан(и)

рути́нн||ый, -ая, -ое кӯҳна, карахт, беҳаракат, мутаассиб; **~ые приёмы** усулҳои кӯҳна

ру́тов||ый, -ая, -ое 1. *бот.* ...и испанд, испандӣ; ...и ҳазориспанд; **~ое ма́сло** равғани испанд 2. *в знач. сущ.* **ру́товые** *мн. бот.* испандиҳо

ру́хлядь *ж собир. разг.* лоқупар, кӯҳнакола, кӯҳна-сӯхна; **вы́бросить ~** кӯҳна-сӯхнаро бароварда партофтан

ру́хну||ть *сов.* 1. гумбуррос зада афтодан, гумбуррос зада фуру рафтан, гурсос зада ғалтидан; **стена́ ~ла** девор гумбуррос зада афтод; **де́рево ~ло** дарахт гурсос зада ғалтид 2. *перен.* вайрон (хароб) шуда рафтан; бар бод рафтан; **~ли бы́лые наде́жды** умедҳои пешина бар бод рафтанд

ру́хнуться *сов. разг.* гурсос зада афтодан, гуппос зада ғалтидан; ~ **в но́ги кому́-л.** гуппос зада худро ба таки пои касе партофтан

руча́тельство *с* кафолат, замонат; **пи́сьменное ~** кафолати хаттӣ, кафолатнома

руча́ться *несов.* кафил (зомин) шудан; ~ **за ка́чество проду́кции** ба сифати маҳсулот кафил шудан; **нельзя́ ~ за исхо́д опера́ции** ба оқибати амалиёт кафил шудан маҳол аст

ручеёк *м уменьш. к* **руче́й** 1

руч||е́й *м* 1. ҷӯй, ҷӯйбор, наҳрча, дарьёча, сойча; **го́рные ~ьи́** дарьёчаҳои кӯҳӣ 2. *в знач. нареч.* **ручьём, ручья́ми** фаровон, мул, бисьёр, селвор, наҳрвор; **~ьём бры́знула кровь** хун фаввора зада баромад 3. *тех.* нов, нова; қолиби прокат

ру́чк||а *ж* 1. *уменьш. к* **рука** 1; 2. даста, дастак, қабза; **дверна́я ~а** дастаки дар; **~а ножа́** қабзаи корд; **~а кувши́на** дастаи кӯза; **~а швейно́й маши́ны** дастаи мошинаи чокдузӣ, гушаки мошинаи дарздузӣ 3. дастмонак, паҳлу, такья; **облокоти́ться на ~и кре́сла** ба дастмонаки кресло (курсии паҳлудор) такья кардан 4. ручка, чӯби қалами пулодин; **автомати́ческая ~а** ручкаи автоматӣ ◇ **дойти́ до ~и** ночор (ноилоҷ) шуда мондан; **под ~у** аз қултуқи касе гирифта; **подойти́ к ~е** *уст.* дастбусӣ кардан

ручне́ть *несов. прост. (о животных)* дастпарвард (ром, хонагӣ) шудан

ручни́к *м* болға, путк

ручн||о́й, -а́я, -о́е 1. дастӣ, ...и даст; **~ы́е часы́** соати дастӣ; **~а́я кладь** бори дастӣ; **~о́е полоте́нце** сачоқи дастпоккунак 2. дастӣ; **ткань ~о́й вы́работки** матои дастбоф; **~о́й труд** меҳнати дастӣ; **~о́й набо́р** *полигр.* харфчинии дастӣ; **~ая вы́шивка** гулдузии дастӣ; **~а́я грана́та** гранатаи дастӣ 3. ромшуда, дастомуз; **~о́й медве́дь** хирси ромшуда ◇ **~ая прода́жа** 1) бе нусха фурӯхтани доруҳо дар дорухона 2) савдои чаканаи дастӣ

ру́чонка *ж разг. уменьш.-ласк. к* **рука** 1

ручьев||о́й, -а́я, -о́е ...и дарьёча, ...и сой; ...и ҷӯй, ...и ҷӯйбор; **~а́я вода́** оби ҷӯй; **~о́е ру́сло** маҷрои ҷӯйбор

ру́шить *несов. что* 1. вайрон кардан, ғалтондан, афтондан; ~ **сте́ны** деворҳоро афтондан 2. *спец. обл.* мукашшар кардан, пуст кандан, |куфта| сафед кардан; ~ **про́со** сук кашидан; ~ **рис** шолӣ сафед кардан

ру́ши||ться *несов.* 1. ғалтидан, афтодан, вайрон шудан; **зда́ние ~тся** бино вайрон шуда истодааст 2. *перен.* бар бод рафтан, талаф (маҳв) шудан; **наде́жды ~лись** умедҳо бар бод мерафтанд 3. *страд.* вайрон карда шудан, ғалтонда (афтонда) шудан; бар бод дода шудан

ры́ба *ж* 1. моҳӣ; **морска́я ~** моҳии баҳрӣ; **речна́я ~** моҳии дарьё; **хи́щная ~** моҳии дарранда; **жива́я ~** моҳии зинда 2. *перен.* одами хунсард ◇ **би́ться как ~ об лёд** зӯри беҳуда задан, кӯшиши бефоида кардан; **в му́тной воде́ ры́бу лови́ть** обро лой карда моҳӣ доштан; **как ~ в воде́** чун моҳӣ дар об; **нем как ~** ба даҳонаш об ги-

рифтагӣ барин; **ни ~ ни мясо** на дузди бозор, на шайхи мазор

рыбак *м* моҳигир, моҳидор ◇ **~ рыбака видит издалека** *посл.* ~ дузд дуздро дар шаби торик мешиносад

рыбалить *несов. обл.* моҳи гирифтан (доштан), моҳигирӣ кардан

рыбалк||а *ж* 1. *разг.* шикори моҳӣ, моҳигирӣ; **уехать на ~у** ба шикори моҳӣ рафтан 2. ҷои моҳигирӣ (моҳидорӣ) 3. *обл. (чайка)* моҳихурак

рыбарь *м уст. обл.* моҳигир, моҳидор

рыбацк||ий, -ая, -ое ...и моҳигир; **~ая лодка** қаиқчаи моҳигирӣ

рыбач||ий, -ья, -ье ...и моҳигир, ...и моҳидор; **~ьи сети** тӯри моҳигир

рыбачить *несов.* моҳигирӣ кардан, моҳӣ шикор кардан, моҳӣ доштан

рыбачка *ж* 1. *женск. к* **рыбак**; 2. зани моҳигир

рыбец *м зоол.* рыбец *(навъи зағорамоҳӣ)*

рыбёшка *ж разг.* моҳича

рыб||ий, -ья, -ье 1. ...и моҳӣ; **~ья чешуя** пулакчаи моҳӣ; **~ий хвост** думи моҳӣ; **~ий жир** равғани моҳӣ 2. *перен.* хунсард; **~ья натура** одами хунсард; **человек с ~ьими глазами** одами мурдачашм ◇ **~ий зуб** *уст.* дандони морж; **на ~ьем меху** пусти пиёз барин

рыбина *ж* 1. *разг.* моҳии калон, як дона моҳии калон 2. *спец.* фарши қаиқ

рыбка *ж уменьш.-ласк. к* **рыба** I

рыбник *м* 1. моҳишинос 2. *уст.* моҳифурӯш 3. *обл.* санбусаи моҳӣ, моҳисанбуса

рыбница *ж* 1. *уст.* моҳифурӯш *(оид ба зан, духтар)*; 2. *(место хранения рыбы)* моҳихона *(ҷое, ки моҳиҳоро нигоҳ медоранд)* 3. *обл. (промысловое рыболовное судно)* киштии моҳигирӣ (моҳидорӣ)

рыбн||ый, -ая, -ое 1. ...и моҳӣ; **~ая ловля** моҳигирӣ; шикори моҳӣ; **~ая кость** устухони моҳӣ; **~ый магазин** магазини моҳифурӯшӣ; **~ые консервы** консерваҳои моҳигиӣ; **~ый пирог** санбусаи моҳӣ, моҳисанбуса // *в знач. сущ.* **рыбное** *с (блюдо из рыбы)* хӯроки моҳигин 2. сермоҳӣ; **~ое озеро** кӯли сермоҳӣ 3. *разг.* моҳиолуд, бӯи моҳӣ доштагӣ; **~ые руки** дасти моҳиолуд

рыбо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «моҳӣ»:* **рыболовецкий** ...и моҳигирӣ

рыбовод *м* моҳипарвар, мутахассиси моҳипарварӣ

рыбоводный, -ая, -ое ...и моҳипарварӣ; **~ пруд** ҳавзи моҳипарварӣ; **~ завод** заводи моҳипарварӣ

рыбоводство *с* моҳипарварӣ

рыбоводческ||ий, -ая, -ое ...и моҳипарварӣ; **~ое хозяйство** хоҷагии моҳипарварӣ

рыбовоз *м* мошини моҳикашонӣ

рыбодобыча *ж* моҳидорӣ, моҳигирӣ

рыбозавод *м* заводи моҳӣ

рыбокомбинат *м* комбинати моҳӣ

рыбоконсервный, -ая, -ое ...и консерваҳои моҳӣ; **~ завод** заводи консерваҳои моҳӣ

рыбокоптильный, -ая, -ое ...и моҳидуддиҳӣ, ...и дуд додани моҳӣ; **~ завод** заводи моҳидуддиҳӣ

рыбокоптильня *ж* хонаи моҳидуддиҳӣ, корхонаи моҳидуддиҳӣ, хонаи моҳидудкунак

рыболов *м* моҳигир

рыболовецкий, -ая, -ое ...и моҳигирӣ; **~ колхоз** колхози моҳигирӣ

рыболовн||ый, -ая, -ое ...и моҳигирӣ; ...и сайди моҳӣ; **~ая станция** станцияи моҳигирӣ; **~ые снасти** асбобҳои моҳигирӣ, анҷомҳои моҳидорӣ; **~ый промысел** касби (ҳунари) моҳигирӣ ◇ **~ый надзор** назорати сайди моҳӣ

рыболовство *с* моҳигирӣ; **заниматься ~м** бо моҳигирӣ машғул шудан

рыбомоечн||ый, -ая, -ое моҳишӯӣ, моҳишӯяк; **~ые машины** мошинҳои моҳишӯяк

рыбоморозильный, -ая, -ое ...и моҳияхкунонак

рыбонасос *м* насоси моҳикашак

рыбообрабатывающ||ий, -ая, -ее моҳитозакунак; моҳирезакунак; **~ие машины** мошинҳои моҳитозакунак

рыбоохрана *ж* муҳофизати моҳӣ

рыбопитомник *м* ҳавзаи моҳипарварӣ

рыбоподъёмник *м* моҳигузар

рыбоподъёмный, -ая, -ое ...и моҳигузар

рыбоприёмный, -ая, -ое ...и моҳикабулкунӣ; **~ пункт** пункти моҳикабулкунӣ

рыбопродукты *мн.* маҳсулоти моҳӣ

рыбопромысловый, -ая, -ое ...и касби моҳигирӣ, ...и моҳигирӣ; **~ флот** флоти моҳигирӣ

рыбопромышленник *м* соҳиби корхонаҳои моҳӣ

рыбопромышленность *ж* саноати моҳӣ

рыбопромышленный, -ая, -ое ...и саноати моҳӣ

рыботовары *мн.* маҳсулоти моҳӣ

рыботорговец *м* моҳифурӯш

рыботорговля *ж* моҳифурӯшӣ, савдои моҳӣ

рыботорговый, -ая, -ое ...и моҳифурӯшӣ; **~ отдел** шуъбаи моҳифурӯшӣ

рыбоход *м* роҳи моҳигузар

рыбоходный, -ая, -ое ...и роҳи моҳигузар

рыбоядн||ый, -ая, -ое моҳихӯр; **~ые животные** ҳайвоноти моҳихӯр

рыбхоз *м (рыбоводное хозяйство)* хоҷагии моҳипарварӣ

рывок *м* 1. хеззанӣ, ҷаҳиш, ҷаст, хез, такон; **машина сделала ~** мошин якбора такон хӯрд 2. *перен* телбагӣ; **работать без рывков** бе телбагӣ кор кардан 3. *спорт.* якбора бардоштан(и), тела додан(и), кашидан(и), бо як зарб бардоштан(и); **~ одной рукой** шарти бо як даст бардоштан 4. *разг.* кашола кардан(и), кашидан(и)

рыганье *с (по знач. гл.* **рыгать***)* оруғдиҳӣ

рыгать *несов.* оруғ додан

рыгнуть *сов. однокр. к* **рыгать**

рыданн||е *с (по знач. гл.* **рыдать***)* гирьяву нола, навҳа, фиғон; **слышались глухие ~я** навҳаи паст шунида мешуд; **разразиться ~ями** якбора фиғон бардоштан

рыдать *несов.* зор-зор гиристан, навҳа кардан, фиғон бардоштан; **громко ~** бо овози баланд фиғон бардоштан

рыдван *м уст.* фойтуни калон

рыжебородый, -ая, -ое (рыжеборoд, -а, -о) сурхриш, зардриш

рыжеволосый, -ая, -ое (рыжеволос, -а, -о) сурхмуй, зардмуй

рыжекудрый, -ая, -ое чингиламуи сурх, марғуламуи сурх

рыжеть *несов.* 1. *(виднеться — о рыжем)* сурх (зардча) тофтан 2. *(становиться рыжим)* сурх (сурхмуй, зард) шудан

рыжеусый, -ая,-ое (рыжеус, -а, -о) сурхмуйлаб, зардмуйлаб

рыжешёрстн||ый, -ая, -ое сурхпашм, зардпашм; **~ая собака** саги зард

рыж||ий, -ая, -ее (рыж, рыжа, рыже) 1. сурх, зард; сурхмуй; **~ие усы** муйлаби зард; **коиь ~ей масти** аспи чиран; **~ий мальчик** бачаи сурхмуй, бачаи зардинамӯ 2. рангпарида, офтобзада, зардшуда; **~ий пиджак** пиджаки рангпарида 3. *в знач. сущ.* **рыжий** *м разг.* масхарабози цирк, масхарабоз

рыжик *м бот.* зарқорч

рык *м* наъра, ғуррос; **львиный ~** наъраи шер

рыкание, рыканье *с (по знач. гл.* **рыкать***)* наъразанӣ, наъракашӣ, ғурросзанӣ; *(звуки)* ғурриш, ғуррос; **~ дикого зверя** ғурриши ҳайвони ваҳшӣ

рыкать *несов.* наъра задан кашидан, ғурридан

рыкнуть *сов. однокр. к* **рыкать**

рыло *с* 1. фук, тумшуқ, пуз 2. *груб. прост.* афт, башара ◇ **кувшинное ~** *прост.* руи рафида; **~м не вышел** *прост.* ситорааш хунук; **воротить ~** *прост.* тумшуқ кардан; **ни уха ни рыла (не смыслит)** *прост.* як лӯнда кулӯх, кулӯхи тап-тайёр *(оид ба одами кундзеҳн)*

рыльце *с* 1. *уменьш.-ласк. к* **рыло**; 2. *бот.* гардгирак 3. *обл. (носик сосуда)* ҷумак; **~ чайника** ҷумаки чойник 4. *(орудия, пулемёта)* нӯги мил *(оид ба тӯп, пулемёт)* ◇ **у него ~ в пуху** доманн у олудааст, вай гунох дорад

рым *м мор.* ҳалқаи мурват

рында I *м ист.* рында *(унвони фахрии посбони мусаллаҳи подшоҳони давлати Москва)*

рында II *ж мор.* 1. *уст.* рында *(садои нисфирузии зангӯла дар флоти бодбонӣ)* 2. *(судовой колокол)* занги (ноқуси) киштӣ

рынок *м в разн. знач.* бозор; **колхозный ~** бозори колхозӣ; **внешний ~** *эк.* бозори хориҷӣ; **внутренний ~** *эк.* бозори дохилӣ; **мировой ~** *эк.* бозори ҷаҳонӣ

рыночн||ый, -ая, -ое 1. ...и бозор; **~ая площадь** майдони бозор, бозорҷой; **~ая цена** нархи бозор; **~ая торговля** савдои бозор; **~ая стоимость**

эк. нархи бозор 2. *разг. уст.* бозор-боб

рыпа||ться *несов. прост.* питир-питир кардан, бидир-бидир кардан; **ты лучше не ~йся!** бехтараш ту питир-питир накун!

рысак *м* аспи резачорпо; **вороной ~** аспи сиёҳи резачорпо

рысёнок *м* бачаи силовсин

рыс||ий, -ья, -ье 1. ...и силовсин; **~ий мех** мӯинаи (пусти) силовсин 2. *перен.* бозингар, тез; **~ьи глазки** чашмони бозингар; **~ий взгляд** нигоҳи тез

рысистость *ж* резачорпогӣ, резачорпо будан(и)

рысистый, -ая, -ое (рысист, -а, -о) резачорпо; **~ конь** аспи резачорпо

рысить *несов.* 1. резачорпо тохтан (даввондан, давидан) 2. *перен. прост.* давидан, тохтан

рысиха *ж зоол.* силовсини мода

рыск *м* 1. *охот.* гардиш, такудав, тозиш дар кофтукови сайд; **~ гончих** дар кофтукови сайд тохтани сагҳои тозӣ 2. *мор.* тобхӯрӣ *(аз хатти ҳаракати худ гоҳ ба чап, гоҳ ба рост тобхӯрии киштӣ)*; **~ судна** тобхӯрии киштӣ

рыскание *с (по знач. гл.* **рыскать** 1) такудавкунӣ, гардиш

рыскать *несов.* 1. таку дав кардан, гаштан; **собаки рыщут** сагҳо таку дав мекунанд 2. *разг.* кофтуков кардан, кофтуков карда гаштан; **~ по карманам** кисаковӣ кардан 3. *разг.* шадалинг зада гаштан, сакалтувор гаштан; **~ по городу** кӯча ба кӯчаи шаҳр шадалинг зада гаштан 4. *мор.* тоб хӯрдан

рыскливость *ж мор.* тобхӯрандагӣ; **~ судна** тобхӯрандагии киштӣ

рыскливый, -ая, -ое (рысклив, -а, -о) *мор.* тобхӯранда, аз хат бароянда, аз роҳи асосӣ бароянда

рыскнуть *сов. однокр. к* **рыскать** 2

рысковой, -ая, -ое: **~ якорь** *мор.* лангари ҳидоят *(лангари хурде, ки барои аз роҳи рост набаромада дуруст ҳаракат кардани киштӣ ба кор бурда мешавад)*

рысца *ж разг.* резачорпо

рысцой *нареч.* резачорпо; **лошадка бежала ~** аспак резачорпо медавид

рысь I *ж* 1. *(аллюр)* резачорпо, чорхез 2. *перен. разг. (живость, прыть)* шаст, ғайрат; **откуда ~ взялась!** аз куҷо ғайрат пайдо шуд!

рысь II *ж зоол.* силовсин

рысью *нареч.* 1. чорхеззанон 2. *разг.* давон, тозон; чорхез

рытвина *ж* охурча; **дорога в ~х и ухабах** роҳи пур аз охурчаю укуру чукур

рытый, -ая, -ое 1. *прич.* кандашуда, кофташуда 2. *прил. уст. (о бархате)* ғиҷим

рыть *несов.* 1. *что* кандан, кофтан; **~ яму** чоҳ кофтан // *(выкапывать из земли)* кофта гирифтан, канда баровардан 2. *что и без доп. разг.* тит кардан, аралаш кардан; **~ бумаги на столе** коғазҳои руи столро тит кардан ◇ **~ могилу** *кому-чему-л.* қабри касеро кандан; **~ яму кому-л., под кого-л.** ба касе чоҳ кандан; **землю роет** *прост.* кӯҳро талқон мекунад!

рытьё *с (по знач. гл.* **рыть**) каниш, кобиш; **~ окопов** кандани сангар

рыться *несов.* 1. кофтан, тагуру кардан, тит кардан; **~ в песке** хокро тит кардан // *(перебирать, разыскивая)* тагуру кардан; **~ в документах** ҳуҷҷатҳоро тит кардан; **~ в памяти** майна об карда ба ёд овардан; **~ у себя в карманах** кисаи худро тагуру кардан 2. *страд.* кофта (канда) шудан ◇ **~ в грязном белье** аз мағзи нохун чирк кофтан, ғайбат кардан

рыхление *с (по знач. гл.* **рыхлить**) ковоккунӣ, нармкунӣ, мулоимкунӣ; **~ почвы** ковоккунии хок

рыхле||ть *несов.* 1. ковок (нарм, мулоим) шудан; **земля от вспашки ~ет** замин аз шудгор нарм мешавад 2. *разг.* хомфарбеҳ шудан, фарбеҳи пӯла шудан

рыхлитель *м с.-х.* ковоккунак, нармкунак *(асбоби махсус барои ковок кардани замин, мошини заминковоккунӣ)*

рыхлить *несов. что* ковок (нарм, мулоим) кардан; **~ землю** заминро нарм кардан

рыхлость *ж* ковокӣ, нармӣ, мулоимӣ; **~ почвы** ковокии (нармии) хок

рыхл||ый, -ая, -ое (рыхл, рыхла, рыхло) 1. ковок, нарм, мулоим; **~ый грунт** хоки ковок 2. *перен.* фарбеҳи пӯла, пӯк, хомфарбеҳ; **~ое тело** бадани хомфарбеҳ; **~ые щёки** рухсораҳои фарбеҳи пӯла 3. *перен. (о стиле изложения)* нимкола; **~ая работа** кори нимкола

рыцарск||ий, -ая, -ое 1. *ист.* рыцарӣ, ...и рыцарь, ...и сипоҳӣ; ...и паҳлавон, паҳлавонона; **~ие доспехи** зиреҳи рыцарь 2. *перен.* фидокор(она), боҳиммат(она), қаҳрамонӣ; **~ий поступок** кирдори боҳимматона; **~ий роман** *лит.* романи қаҳрамонӣ *(асари адабии асрҳои миёна, ки корнамоӣ ва ишқбозиҳои рыцарьҳоро тасвир мекард)*

рыцарство *с* 1. *ист.* рыцарьҳо *(табақаи ҳарбӣ-дворянии ҷамъияти феодалӣ дар Европаи Ғарбӣ)* 2. *ист.* унвони рыцарь 3. *перен.* фидокорӣ, боҳимматӣ, ҷавонмардӣ; **проявить ~** ҷавонмардӣ нишон додан

рыцарь *м* 1. *ист.* рыцарь 2. рыцарь, баҳодур, ҷавонмард; **~ без страха и упрёка** баҳодури бебоку пок

рычаг *м* 1. фашанг, фишанг; **поднять ~ом** бо фишанг бардоштан // меҳварн дастадор, гӯшак; **~ управления** фишанги идора 2. *перен.* омил, баҳона, сабаб, дастак

рычажный, -ая, -ое ...и фишанг, фишангдор; **~ механизм** механизми фишангдор

рычажок *м уменьш. к* **рычаг** 1

рычание *с* наъра; **~ льва** наъраи шер

рыча||ть *несов.* 1. ғуррос задан; **собаки ~т** сагҳо ғуррос мезананд 2. *перен. прост. неодобр.* ғур-ғур кардан, аррос задан

рьяно *нареч.* ғаюрона, серғайратона, ғайратнокона, бо ғайрат; **~ взяться за дело** бо ғайрат машғули кор шудан

рьяность *ж* ғаюрӣ, серғайратӣ, боғайратӣ, ғайратнокӣ

рьяный, -ая, -ое ғаюр, серғайрат, боғайрат, ғайратнок; **~ сторонник** *чего-л.* тарафдори ғаюри чизе // *разг. (о лошадях)* тез, тездав, даванд

рэкет *м* рэкет *(дар ШМА — роҳи бо дӯғу пӯписа тарсонда пул ситондан)*

рэкетир *м* рэкетчӣ

рюкзак *м* борхалта

рюмка *ж* қадаҳча, қадаҳ; **~ вина** як қадаҳча май

рюмочк||а *ж уменьш. к* **рюмка** ◇ **пропустить ~у** *прост.* май нӯшидан; **талия ~ой** химчамиён, мӯрчамиён

рюмочный, -ая, -ое ...и қадаҳ

рюхи *мн. (ед.* **рюха** *ж)* чиллаки городки

рюш *м* чин, пар-пар *(оид ба куртаи занона)*; **рукава, обшитые ~ем** остини пар-пар, остини чиндор

рюшка *ж разг. см.* **рюш**

рябеть *несов.* 1. *(становиться рябым)* ҷӯтур шудан, парзадарӯй шудан 2. *(покрываться рябью)* чин-чин шудан *(рӯи об)*

рябин||а I *ж (дерево)* ғубайро; *собир. (ягоды)* меваи ғубайро; **гроздья ~ы** хӯшаи ғубайро

рябина II *ж* 1. доғи обила, доғи нағзак; **лицо с ~ми от оспы** рӯи доғи обиладор, рӯи ҷӯтур 2. доғ, лакка

рябинка I, II *ж уменьш.-ласк. к* **рябина** I, II

рябинник I *м (роща, заросли рябины)* ғубайрозор

рябинник II *м зоол.* ғурғурак

рябини||ый, -ая, -ое ...и ғубайро; **~ые ягоды** меваҳои ғубайро

рябиновка *ж* араки ғубайро

рябинов||ый, -ая, -ое 1. ...и ғубайро; **~ая настойка** араки ғубайро 2. *(цвета рябины)* сурх, сурхранг 3. *в знач. сущ.* **рябиновая** *ж см.* **рябиновка**

ряби||ть *несов.* 1. *что* чин-чин (мавҷдор) кардан; **ветер ~т воду в озере** шамол оби кулро пурчин мекунад 2. *безл.* ало-було шудан, чипор шудан, биҷирроc задан, чавкар шудан; **в глазах ~т** дар пеши чашм биҷиррос мезанад

ряб||ой, -ая, -ое (ряб, ряба, рябо) 1. ҷӯтур, обиларӯй, парзадарӯй; **~ое лицо** рӯи ҷӯтур 2. *(об окраске)* ало, ало-було, чипор, чавкар; **~ой телёнок** гӯсолаи ало

рябчик *м зоол.* рябчик *(як навъ паррандаи чипори ҷангалӣ)*

рябь *ж* 1. чинҳои об, мавҷҳои нозуки сатҳи об, чин-чини рӯи об; **озеро подёрнулось ~ю** рӯи оби кӯл чин-чин шудааст 2. сиёҳзанӣ; **~ в глазах** сиёҳзании чашм

рявканье *с (по знач. гл.* **рявкать**) аррросзанӣ, ғуррросзанӣ; *(звуки)* ар-ар, ғур-ғур, ак-ак

рявка||ть *несов.* 1. аррос (ғуррос) за-

дан; грозно ~ет медве́дь хирс хашмгинона аррос мезанад 2. *перен. прост.* гапи дағал гуфтан, дағалона, гап партофтан

рявкну́ть *сов. однокр. прост. см.* **ря́вкать**

ряд *м* 1. қатор, силсила; ~ **сту́льев** қатори стулҳо; два ~а **зубо́в** ду қатор дандон, (*шеренга*) саф; **постро́иться в** ~ саф кашидан; **сомкну́ть** ~ы сафҳоро зичтар кардан // (*в театре, кино и т. п.*) қатор; **в пе́рвых** ~ах **парте́ра** дар қаторҳои аввали партер 2. як қатор, якчанд, бисьёр; ~ **кру́пных учёных** як қатор олимони машҳур; **це́лый** ~ **обстоя́тельств** якчанд сабаб 3. саф; **в** ~а́х **а́рмии** дар сафи армия 4. раста, қатор; **овощно́й** ~ растаи сабзавот; **моло́чный** ~ растаи шир; **торго́вые** ~ы раста 5. *прост.* фарқи сар, фарқи мӯи сар; **прямо́й** ~ фарқи рост 6. *обл.* пеш, қатори дарав; **скоси́ть оди́н** ~ як пеш даравидан 7. *мат., хим.* қатор; **геометри́ческий** ~ қатори геометрӣ 8. *обл.* тартиб, навбат ◇ **в** ~у́ дар қатори..., аз он ҷумла; **в пе́рвом** ~у́ дар қаторҳои аввал, дар сафи пеш; **из** ~а **вон выходя́щий** фавқулодда

ря́да *ж обл.* шарт

ряди́ть I *несов. кого-что* оростан, оро (ороиш) додан, либоси ороста пушондан

ряди́ть II *несов. кого уст.* байъ (киро) кардан

ряди́ться I *несов.* 1. *уст.* либос (ҷома) пушидан 2. *разг.* худро оро (зинат) додан, худро оро-торо кардан 3. мардикорӣ кардан

ряди́ться II *несов. уст.* 1. байъ (савдо) кардан 2. мардикор шудан

рядко́м *нареч. разг. см.* **ря́дом** 1

ря́днина *ж обл. см.* **рядно́**

рядно́ *с обл.* карбос, карбоси заҳирпояги

рядн||ый, -ая, -ое *уст.* ...и шарт, ...и шартнома, шарти; ~ая **гра́мота** шартнома, санади шартнома

-ря́дный, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаби шуморадор, ки ба маънои «қатор», «саф» меояд:* **двухря́дный** дуқатора, дусафа

рядово́й, -ая, -ое 1. қатори, оддӣ; ~ **колхо́зник** колхозчии оддӣ; ~ **слу́чай** воқеаи оддӣ 2. *воен.* қатори; ~ **бое́ц** ҷанговари қатори // *в знач. сущ.* **рядово́й** *м* аскар, солдат 3. *с.-х.* раста-раста, қатор-қатор, ҷуяк-ҷуяк; ~ **посе́в** кишти раста-раста

ря́дом *нареч.* 1. (*по соседству*) паҳлу ба паҳлу, ҳамшафат, ҳамсоя; **жить** ~ дар ҳамсоягӣ зиндагонӣ кардан 2. бисьёр наздик; **магази́н** ~ магазин бисьёр наздик аст ◇ ~ **с** *предлог с тв.* 1) дар назди, аз паҳлу, дар пеши; **сесть** ~ **с бра́том** аз паҳлуи бародар нишастан 2) нисбат ба...; **сплошь и** ~, **сплошь да** ~ бисьёр вақт, аксар вақт, одатан

рядско́й, -ая, -ое *уст.* ...и раста, ...и қатор; ~ **купе́ц** дукондори раста, савдогари раста

ря́дчик *м уст.* пудратчӣ

ря́дышком *нареч. разг. см.* **ря́дом**

ряж *м гидротех.* чуббанди дарғот

ря́женый I *м фольк.* домодшаваида

ря́женый II, -ая, -ое *уст. и в знач. сущ.* **ря́женый** *м*, **ря́женая** *ж* никобпуш (*касест либоси маскарад пушида*)

ря́женье *с* ороиш, ородиҳӣ, либоси ғайриоддӣ пушондан(и); пушидани либоси маскарадӣ

ря́са *ж* ряса (*ҷомаи дарозу васеи попҳо*)

ря́ска *ж бот.* тайласон, тахлаб

ря́шка *ж* 1. *обл.* (*банная шайка*) дулча 2. *груб. прост.* (*лицо*) афт, андом

С

с (**со**) *предлог* 1. *с род.* (*указывает место, от которого происходит действие*) аз; **снять кни́ги с по́лки** китобҳоро аз раф гирифтан; **вскочи́ть с посте́ли** аз ҷогаҳ ҷаста хестан; **с де́рева упа́ло я́блоко** аз дарахт себ афтод; **они́ возвраща́лись с охо́ты** онҳо аз шикор бармегаштанд 2. *с род.* (*указывает место или источник возникновения действия*) аз; **боле́знь начала́сь с на́сморка** касалӣ аз зуком сар шуд; **напа́сть на врага́ с ты́ла** ба душман аз ақибаш (аз ақибгоҳ) ҳамла кардан; **так с чего́ мы начнём?** пас мо аз чӣ сар мекунем?; **получи́ть письмо́ с ро́дины** аз ватан хат гирифтан; **ды́ни со свое́й бахчи́** харбузаҳои полизи худ 3. *с род.* (*указывает время начала действия*) аз; **с са́мого ве́чера** аз [худи] бегоҳирузӣ; **с ра́ннего де́тства** аз хурдсолӣ; **с пе́рвого января́** аз якуми январь 4. *с род.* (*указывает местоположение, местонахождение предмета или лица*) дар, аз, аз болои...; **с пра́вой стороны́ доро́ги вила́сь тропи́нка** дар тарафи рости роҳ пайраҳае печутоб хурда мерафт; **с э́того ме́ста хорошо́ ви́дно** аз ин ҷо хуб дида мешавад; **говори́ть речь с трибу́ны** аз минбар нутқ кардан; **наблюда́ть с горы́** аз болои кӯҳ мушоҳида кардан 5. *с род.* (*указывает предмет или лицо, от которого требуется или отнимается что-л.*) аз; **собра́ть с сотру́дников профсою́зные взно́сы** аз ходимон ҳаққи аъзогии иттифоқи касабаро ҷамъ кардан 6. *с род.* (*указывает на предмет, являющийся образцом, оригиналом, единицей измерения чего-л.*) аз; **бери́те с него́ приме́р** аз вай ибрат гиред; **э́то переведено́ с таджи́кского языка́** ин аз забони тоҷикӣ тарҷума карда шудааст; **урожа́й с гекта́ра** ҳосил аз ҳар гектар, ҳосили ҳар як гектар 7. *в сочет. со словами «довольно», «достаточно», «хватит» и т. п.* ба, аз; **с вас хва́тит** ба шумо бас аст 8. *с род.* (*на основании чего-л., следуя чему-л.*) бо; **с одобре́ния руково́дства** бо савобдиди роҳбарият; **с ва́шего согла́сия** бо розигии шумо; **с разреше́ния ста́рших** бо рухсати калонсолон 9. *с род.* (*указывает причину действия*) аз; **с ра́дости** аз хурсандӣ; **с го́ря** аз ғусса, аз дард; **с доса́ды** аз ҳасрат; **мы уста́ли с доро́ги** мо аз куфти роҳ хаста шудем 10. *с род.* (*указывает предмет, орудие, которым производится действие*) бо; **корми́ть с ло́жечки** бо қошуқча хӯрондан 11. *с род. в составе некоторых устойчивых сочетаний:* **взять с бо́ю** ҷанг карда ба даст даровардан; **покупа́ть с рук** аз даст харидан; **чита́ть с листа́** бе тайёрӣ хондан // *в составе некоторых наречий:* **с разма́ху** кулоч кашида, кашидаву кушода; **с разбе́гу** давида омада; **с налёта** ҳамла оварда; **с хо́ду** рафтуравон 12. *с вин.* (*приблизительно, почти, около*) тахминан, тақрибан; **он с ме́сяц пробу́дет в отъе́зде** вай тахминан як моҳ дар сафар хоҳад буд; [он] **ро́стом с тебя́** қадаш (қади) ту барин 13. *с тв.* (*указывает на совместность, наличие чего-л., обладание чем-л.*) бо, ва (-у), ҳамроҳи..., бо ҳамроҳии...; **иди́те с на́ми** бо мо равед; **мы с бра́том** ману бародарам; **оте́ц с ма́терью** падар ва модар, падару модар; **вы́йти на прогу́лку с детьми́** бо кудакон ба гардиш баромадан; **хлеб с ма́слом** нону равған, нону маска; **буты́лка с молоко́м** шишаи шир; **де́вочка с коси́чками** духтарчаи кокулдор 14. *с тв.* (*при посредстве кого-чего-л.*) бо, қатӣ; **уе́хать с вече́рним по́ездом** бо поезди шабона рафтан 15. *с тв.* (*указывает на явление, состояние, которым сопровождается какое-л. действие*) бо; **с удово́льствием** бо камоли хурсандӣ; **с улы́бкой** бо табассум; **с це́лью..** бо мақсади...; **они́ с ра́достью согласи́лись** онҳо бо хурсандӣ розӣ шуданд 16. *с тв.* (*указывает место, предмет, на который направлено действие*) бо, ба; **подружи́ться с това́рищами** бо рафиқон дуст шудан, бо рафиқон дустӣ пайдо кардан; **не спеши́те с отъе́здом** ба рафтан шитоб накунед; **спра́виться с рабо́той** аз уҳдаи кор баромадан; **поспеши́ть с вы́водами** саросема хулоса баровардан, хулосаҳои хом баровардан 17. *с тв.* (*указывает на предмет, с помощью которого осуществляется действие*) бо, ба, ба воситаи...; **рассма́тривать с лу́пой** бо заррабин дидан; **мыть с мы́лом** бо собун шустан 18. *с тв.* (*указывает цель действия*) бо; **яви́ться с докла́дом** бо маъруза омадан; арз кардан; **обрати́ться с про́сьбой** бо хоҳише мурочиат кардан 19. *с тв.* (*указывает на наступление чего-л.*) бо; **с прихо́дом весны́** бо омадани баҳор; **с года́ми** сол ба сол; **со вре́менем** бо мурури замон 20. *с тв.* (*с глаголами «случи́ться», «произойти́», «обстоя́ть» указывает на лицо, испытывающее что-л.*): **с ни́ми всё обсто́ит хорошо́** ҳама корҳои онҳо баҷо, аҳволашон нағз; **у него́ пло́хо с глаза́ми** чашмони вай дардманд шудаанд; **что с тобо́й ста́ло?** ба ту чӣ шуд?

с= (**со=, съ=**) *приставка* 1. *префиксест, ки барои сохтани феъл хизмат карда, маъниҳои зеринро мефаҳмонад:* 1) *ҳаракат аз тарафҳои гуногун ба як нуқта* — **связа́ть** бастан; **скова́ть** куфта пайванд кардан; **соедини́ть** пайваст кардан 2) *ҳаракат аз боло ба поён* — **слезть** фуромадан; **сойти́** поён фуромадан 3) *ҷудо карда гирифтани чизе* — **сре́зать** буридан, бурида ҷудо кардан; **сруби́ть** буридан; **соскобли́ть** тарошидан 4) *иҷро кардан, риоя кардани чизе* — **спра́виться с че́м-л.** аз уҳдаи коре баромадан 5) *то ҳадди охирин расондани амал* — **скорми́ть** хуронда тамом кардан; **стере́ться** суда шудан, фит шудан 6) *барои ифодаи намуди мутлақи баъзе феълҳо* — **съязви́ть** нештар задан; **сде́лать** кардан 2. *барои зарфсозӣ:* **сбо́ку** аз паҳлу; **сле́ва** аз чап, аз тарафи дасти чап; **спросо́нок** хобу хоболуд

саа́ми *м, ж нескл.* саами; *см.* **саа́мы**

саа́мы *мн.* саамҳо *(номи халқест, ки дар нимҷазираи Кола ва инчунин дар Норвегия, Швеция ва дар Финляндия зиндагонӣ мекунад)*

сабанту́й *м* 1. иди баҳор *(ҷашни тамом шудани киштукори баҳорӣ)* 2. *разг.* базм

са́бельный, -ая, -ое ...и шамшер; ~ **уда́р** зарбаи шамшер

сабза *ж* сабза

саблезу́бый, -ая, -ое: ~ **тигр** *палеонт.* паланги шамшердандон *(ҳайвони мурдарафта)*

сабли́ст *м* шамшербоз

са́бля *ж* шамшер, шоф; **отря́д в не́сколько сот са́бель** отряди чандсад сарбози шамшердор

сабо́ *м, с нескл.* кафш

сабота́ж *м* коршиканӣ

сабота́жник *м* коршикан

саботажница *женск. к* **саботажник**

саботажничать *несов. разг. см.* **саботи́ровать**

саботажничество *с разг. см.* **саботи́рование**

саботи́рование *с (по знач. гл.* **саботи́ровать**) коршиканӣ

саботи́ровать 1. *сов., несов. что* кор шикастан, халал расондан ~ **рабо́ту** ба кор халал расондан 2. *несов.* коршиканӣ кардан

са́ван *м* 1. кафан 2. *перен. поэт.* парда; **сне́жный** ~ пардаи барфин

саванны *мн. (ед.* **сава́нна** *ж) геогр.* саванна *(дашти алафзори иқлими тропики, ки баъзан дарахт ҳам дорад)*

савра́сый, -ая, -ое *(масть лошади)* саманд, саманди ёлудумсиёҳ, абраш

са́г||а *ж лит.* сага *(достони халқи-эпикӣ дар назми Скандинавияи қадим)*; **исла́ндские** ~**и** сагаҳои Исландия

саги́б *м уст. см.* **саиб**

сагитировать *сов. кого разг.* агитация карда розӣ намудан, бо ташвиқот моил кардан

сагитта́льный, -ая, -ое *анат.* сагитталӣ, миёнбуршуда

са́го *с нескл.* саго *(як хел ярмае, ки аз мағзи дарахти нахли саго ҳосил карда мешавад; ярмае, ки аз крахмали картошка ё аз крахмали ҷуворимакка ҳосил карда мешавад)*

са́говники *мн. см.* **саговый** 3

са́гов||ый, -ая, -ое 1. ...и саго; ~**ая крупа́** ярмаи саго; ~**ая начинка** мағзи саго 2. *бот* ...и саго; ~**ая пальма** нахли саго 3. *в знач. сущ.* **са́говые** *мн. бот.* сагоиҳо

сад *м* боғ; **фрукто́вый** ~ боғи мева; **колхо́зные** ~**ы** боғоти колхозӣ; **городско́й** ~ боғи шаҳр; **зи́мний** ~ боғи оинабандӣ ◇ **де́тский** ~ боғчаи бачагон; **зоологи́ческий** ~ боғи ҳайвонот

садану́ть *сов. однокр. кого-что прост.* задан, зарба расондан; ~ **по руке́** дастро задан, ба даст задан

сади́зм *м* садизм (1. *мед. як навъ касалии шаҳвонӣ* 2. *перен. ҳирси азобдиҳӣ ва азиятрасонӣ*)

сади́ст *м мед.* садист, гирифтори садизм

сади́стка *женск. к* **сади́ст**

сади́стский, -ая, -ое садистона, садистӣ, ...и садист

сади́ть *несов.* 1. *прост. см.* **сажать** 1; 2. *кого-что обл.* парваридан, парварида зиёд кардан 3. *кого-что прост.* задан 4. *перен. прост.* рехтан, равон шудан; **кровь са́дит из ра́ны** аз захм хун мешорад

сади́ться I *несов. см.* **сесть**

сади́ться II *несов. страд.* шинонда шудан; парварида шудан

са́дка I *ж (по знач. гл.* **сажать** 4) ба печь гузоштан(и)

садка II *ж.* 1. *(по знач. гл.* **сесть** 8) кутоҳ шудан(и) 2. *тех.* таҳнишинӣ

са́дка III *ж охот.* ҳайвони шикориро ба сайдгири рондан(и), ҳайвони шикориро ҳай кардан(и)

са́дни||ть *несов. безл.* сузиш кардан; **в го́рле** ~**ло от ды́ма** аз дуд гулу сузиш мекард

садо́вник *м* боғбон

садовница *женск. к* **садовник**

садово́д *м* боғдор, мутахассиси боғдорӣ

садово́дств||о *с* 1. боғдорӣ; **курс** ~**а** курси боғдорӣ 2. боғдорӣ, боғпарварӣ, боғшиноӣ; **занима́ться** ~**ом** бо боғдорӣ машғул будан 3. гулхона, ниҳолхона; **рабо́тники** ~**а** коркунони ниҳолхона

садово́дческий, -ая, -ое ...и боғдорӣ, ...и ниҳолхона; ~ **совхоз** совхози боғдорӣ

садо́во-огоро́дный, -ая, -ое ...и боғдорию полизӣ, ...и боғу полиз

садово-парковый, -ая, -ое ...и боғу паркҳо

садо́в||ый, -ая, -ое 1. ...и боғ, боғи; ~**ая кали́тка** даричаи боғ; ~**ые я́годы** меваҳои боғ 2. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои зоологӣ:* ~**ая овсянка** заличаи боғ ◇ **голова** ~**ая** *прост.* каллакаду, каллаварам

садо́к *м* шинак (1. *для разведения животных* 2. *для сохранения живой рыбы* 3. *ловушка для зверей*)

са́жа *ж* дуда, сиёҳии дег, курми мурӣ ◇ **дела как** ~ **бела** *погов.* кор хурҷин, кор чаток

сажание *с (по знач. гл.* **сажать**) шинондан(и); коштан(и); ҷойгир кардан(и), гузоштан(и)

сажать *несов.* 1. *что* шинондан, коштан; ~ **капу́сту** карам коштан; ~ **вишню** дарахти олуболу шинондан 2. *кого* шинондан; ~ **гостей за стол** меҳмононро гирди миз шинондан 3. *кого* ҷойгир кардан, гузоштан; ~ **птиц в кле́тку** мурғонро ба қафас ҷойгир кардан; ~ **собаку на цепь** сагро ба занҷир бастан; ~ **под арест** ҳабс кардан 4. *что* ба печь (ба кура, ба тафгон) гузоштан (мондан); **пора́** ~ **пироги́** вақти пирогҳоро ба тафтон гузоштан аст 5. *кого* шинондан, кунондан; ~ **детей за уро́ки** бачагонро ба дарстайёркунӣ шинондан // *на что* водор кардан; ~ **на дие́ту** ба парҳез водор кардан ◇ ~ **в гало́шу (в лу́жу)** шарманда кардан; ~ **ку́рицу на я́йца** мурғро ба тухм мондан; ~ **на ца́рство** ба тахти подшоҳӣ шинондан, тахту тоҷ додан

сажа́ться *несов. страд.* шинонда шудан

са́жен||ец *м с.-х.* 1. ниҳол; ~**цы я́блонь прижили́сь** ниҳолҳои себ гирифтанд 2. кучат; **лук-**~**ец** пиёзи кучат

сажёнки *тк. мн.* қулочи *(тарзи шино)*

сажённ||ый, сажёни||ый, -ая, -ое 1. *уст.* яксарҷинӣ 2. *разг.* бисьёр калон, бисьёр баланд, баландқад; **челове́к** ~**ого ро́ста** одами қадаш бисьёр баланд

саженцевый, -ая, -ое ...и ниҳол(ҳо); ...и кучат(ҳо)

са́женый, -ая, -ое шинонда; ~ **лес** ниҳолзор

са́жень *ж уст.* сажень, сарҷин *(ченаки русӣ, ки ба 3 аршин ё тахминан ба 2, 134 м баробар аст)* ◇ **коса́я са́жень в плеча́х** ҷорпаҳлу, шонапаҳн

саз *м муз.* соз

саза́н *м* зағорамоҳӣ, капур

саза́ний, -ья, -ье ...и зағорамоҳӣ, ...и капур

саи́б *м* соҳиб

сакма́н *м с.-х.* рама

сакма́нщик *м с.-х.* рамабон

сакрамента́льн||ый, -ая, -ое (сакрамента́лен, -льна, -льно) *книжн.* 1. муқаддас 2. анъанавӣ; ~**ые слова** суханони анъанавӣ

саксау́л *м бот.* саксавул

саксау́ловый, -ая, -ое ...и саксавул

саксау́льник *м* саксавулзор

саксо́нский, -ая, -ое: ~ **фарфор** чинивории саксонӣ (Саксония)

саксофо́н *м муз.* саксофон *(як хел карнайча)*

сала́зки *тк. мн.* 1. чанача 2. *тех.* чанача *(қисми мутаҳаррики баъзе механизмҳо)* ◇ **загну́ть** ~ **кому-л.** *прост.* 1) пойҳои касе хобидаро ба пушт тоб додан (кат кардан); 2) сахт ҷазо додан, азобу уқубат додан

саламандра *ж* 1. *зоол.* калтакалос 2. *миф.* самандар

саламандровый, -ая, -ое 1. ...и калтакалос 2. *в знач. сущ.* **саламандровые** *мн. зоол.* калтакалосиҳо

салат *м* 1. *(растение)* коҳу 2. *(кушанье)* салат; ~ **из помидоров** салати помидорӣ; **мясной** ~ салати гуштин

салатник *м*, **салатница** *ж* салатдон

салатн||ый, -ая, -ое 1. салати, ...и салат; ~**ая ложка** қошуқи салат 2. *(светло-зелёный)* сабзи кушод, сабзи паст

салить *несов.* 1. *кого-что прост.* олуда (чиркин) кардан, олондан 2. задан, расидан *(дар бозии лаппа)*

салиться *несов. разг.* 1. *(пачкаться)* олуда (чиркин) шудан 2. *страд.* олонда шудан

салицилов||ый, -ая, -ое салицилат; ~**ая кислота** *хим.* кислотаи салицилат

сало *с* 1. равған; **баранье** ~ равғани гусфанд 2. коша *(яхи тунук)* ◇ **мазать (смазывать) пятки** ~**м** *прост.* шайтон барин давидан, шайтонвор давидан

салон *м* 1. *(гостиная)* меҳмонхона 2. *(в парикмахерской)* толор; **мужской** ~ толори мардона 3. *(в автобусе и т. п.)* нишеман *(қисми автобус, троллейбус ва м. ин, ки дар он мусофирон мешинанд)* 4. *уст.* маҳфил ◇ ~**-вагон** *ж.-д.* салон-вагон

салонн||ый, -ая, -ое 1. ...и маҳфил 2. зоҳирӣ; хавонӣ, сарсарӣ, ғайриҷиддӣ; ~**ая беседа** суҳбати сарсарӣ 3. *перен. ирон. (чопорный)* сертакаллуф, ашрофона; ~**ое воспитание** тарбияи ашрофона

салоп *м уст.* салоп *(пальтои васеъ ва дарози занона)*; **беличий** ~ салопи санҷобӣ

салфетка *ж* 1. сачоқ, дастпоккун; сачоқи коғазин 2. дастархони хурд; суфрача

сальдо *с нескл. бухг.* сальдо, бақия

сальник *м* 1. *анат.* чарбу 2. *тех.* чаъба *(зеҳи ҳавоногузари байни ду қисми мутаҳаррики мошин ё дастгоҳ)*

сальность *ж* 1. *с.-х.* чарбнокӣ 2. гапи фаҷу бемаза, алфози кабеҳ

сальн||ый, -ая, -ое (са|лен, -льна, -льно) 1. ...и равған, равғанӣ, равғанин; ~**ые свечи** шамъҳои равғанӣ 2. равғанолуд; ~**ые руки** дастони равғанолуд 3. *(циничный, непристойный)* фаҷ, қабеҳ, беадабона; ~**ый анекдот** латифаи фаҷ ◇ ~**ые железы** *анат.* ғадудҳои равған

сальто *с нескл. спорт.* сальто, муаллақ

сальто-мортале *с нескл. спорт.* сальто-мортале

салют *м* салют; **приветственный** ~ салюти табрикӣ; **пионерский** ~ салюти пионерӣ; **произвести** ~ салют додан

салютовать *сов., несов. кому-чему* салют додан

сам *мест. определит.* (самого, самому, самим, о самом) 1. худ; **он** ~ вай худаш, худи вай; **его** ~**ого видели там** худи ӯро дар он ҷо дидаанд; **скажите ему** ~**ому** ба худи вай гӯед; **это сделаио им** ~**им** инро худи вай кардааст; **о нём** ~**ом ничего не слышио** дар бораи худи вай ҳеҷ хабаре нест 2. *(своими силами)* худ; **мы это сделаем** ~**и** инро мо худамон мекунем; **ученик** ~ **решил задачу** талаба худаш масъаларо ҳал кард; **она шьёт** ~**а** вай худаш медузад; **придётся разбираться** ~**ому** бояд худам (худат, худаш) дида бароям (барои, барояд) 3. *(не кто иной, как, именно он)* худ, худаш, худи худаш; **о книге рассказал** ~ **автор** дар бораи китоб худи муаллиф нақл кард; **они и** ~**и не знают** онҳо худашон ҳам намедонанд 4. *в знач. сущ.* **сам** *м уст. и прост.* соҳибхона; ~**ого нет дома** соҳибхона дар хона нест // *в знач. сущ.* **сама** *ж уст. и прост.* зани соҳиби хона, соҳибхоназан ◇ ~ **большой** *уст. и прост.* ихтиёр ба дасти худ, соҳибихтиёр; ~ **не свой** парешонхол; ~ **по себе** 1) *(самостоятельно)* мустақилона 2) *(по собственной инициативе)* бо майли худ, бо рағбати худ 3) *(раздельно)* ҳар кадом ба сари (ба роҳи) худ 4) *(как таковой)* худаш; ~ **себе голова** худам ба худам ҳуҷаин; ~ **себе господин** худам подшоҳу табъам вазир; **сам собой (сама собой, само собой)** худ ба худ, худ аз худ; ~**о собой** [**разумеется**] *вводн. сл.* албатта, беҷуну чаро, бешакку шубҳа; ~**о по себе** худ аз худ, худ ба худ, худи..., ба сари худ; ~**о по себе это правильно** ин аслан дуруст аст; **превзойти** ~**ого себя** *книжн.* ҳунарнамоӣ кардан; **предоставить** ~**ому себе** 1) *(дать возможность самостоятельно поступать)* ба ихтиёри худ гузоштан, ба таври худ касе мондан 2) *(оставить без присмотра)* бенигоҳубин (беназорат) гузоштан, ба ҳоли худ гузоштан; **это говорит** ~**о за себя** он чӣ аён аст чӣ ҳоҷат ба баён аст

сам- *уст. и прост. қисми аввали сифатҳои таъбирнаёбанда, ки бо калимаҳои миқдории «друг», «третей», «четвёрт», «пят», «шест», «сём», осьмой», «девят», «десят» ташкил ёфта, маъниҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *аз миқдори кошташуда чандин бор зиёд* — ~**-пят** панҷ бор зиёд; **урожай** ~**-десят** ҳосили даҳкарата 2) *бо ҳамроҳи шахси амалкунанда фалон қадар* — ~**-друг** дукаса; ~**-пят** панҷ кас, панҷ нафар

сама *женск. к* **сам**

самаи *м* 1. каҳгил 2. *обл.* коҳ

самаика *ж. разг.* хонаи каҳгилӣ

самаиный, -ая, -ое ...и каҳгил

самая *женск. к* **самый**

самбист *м спорт.* самбист

самбо *с нескл. спорт.* (*мухтасари ибораи* «самозащита без оружия») самбо *(усули гуштингирӣ)*

самбуса *ж* санбуса

сам-друг *прил. неизм. уст. и прост.* 1) *(о людях)* ду кас, дукаса 2) *(об урожае)* дукарата

самец *м* нар

сами *мест. определит.* худамон, худатон, худашон

самим *мест. определит.* 1. *тв. к* **сам, само**; 2. *дат. к* **сами**

самими *мест. определит. тв. к* **сами**

самих *мест. определит. род., вин. и предл. к* **сами**

самка *ж* мода

само *мест. определит. с к* **сам**

само- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъниҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *амале, ки мафҳуми онро қисми дуюми калима дарбар мегирад ва ба худи фоил равона карда шудааст* — **самокритика** худтанқидкунӣ; **самовлюблённость** худписандӣ 2) *амал худ ба худ анҷом меёбад* — **самовозгорание** худсузӣ

самоанализ *м* худтаҳлилкунӣ

самобичевание *с* 1. *рел.* худкинкуии, худазобдиҳӣ 2. *перен.* худмазамматкунӣ

самобраика *ж фольк.*: **скатерть-**~ хони неъмат *(дар афсонаҳо дастархоне, ки бо амри соҳибаш худ аз худ пури неъмат мешудааст)*

самобраин||ый, -ая, -ое: ~**ая скатерть** *см.* **самобраика**

самобытность *ж* 1. ба худ хос будан(и), махсусӣ; ~ **творчества Айни** ба худ хос будани эҷодиёти Айнӣ 2. мустақилӣ

самобытн||ый, -ая, -ое (самобыт|ен, -на, -но) 1. ба худ хос; ~**ый художник** рассоми ба худ хос 2. мустақил(она); ~**ое развитие** инкишофи мустақилона

самовар *м* 1. самовор; **ставить** ~ самовор мондан; ~ **закипел** самовор ҷӯшид 2. *тк. ед. перен.* чойхурӣ; **сидеть за** ~**ом** аз самовар чой хурдан, чойхӯрӣ кардан

самоварн||ый, -ая, -ое ...и самовор; ~**ая труба** дудкаши самовор

самовластие *с* 1. *уст.* *(неограниченная власть)* истибдод, ҳокимияти мутлақа 2. *(произвол)* худсарӣ 3. *уст.* *(властолюбие)* ҳокимиятдӯстӣ

самовластн||ый, -ая, -ое 1. *уст.* мутлақ, мустабид; ~**ый правитель** ҳокими мутлақ 2. худсар(она); ~**ое распоряжение** фармони худсарона 3. мутакаббир, мағрур, худком

самовлюблённость *ж* худписандӣ

самовлюблённый, -ая, -ое худписанд; ~ **юноша** ҷавони худписанд

самовнушение *с* худталқинкунӣ, худилқокунӣ

самовозбуждение *с физ., тех.* худангезӣ; ~ **колебаний** худангезии лаппишҳо

самовозгораемость *ж* худдаргирӣ

самовозгорание *с* *(по знач. гл.* **самовозгораться**) худ ба худ даргирифтан(и)

самовозгораться *несов. см.* **самовозгореться**

самовозгореться *сов. тех.* худ ба худ даргирифтан

самоволие *с уст.* худсарӣ

самовольничание *с* *(по знач. гл.* **самовольничать**) худсарӣ кардан(и)

самовольничать *несов.* худсарӣ кардан

самовольно *нареч.* худсарона, бе рухсат, бе иҷозат; **уйти** ~ бе рухсат баромада рафтан

самово́льн||ый, -ая, -ое (самово|лен, -льна, -льно) 1. худсар(она), худраъй; ~**ые де́йствия** кирдорҳои худсарона 2. берухсат, беиҷозат; ~**ый ухо́д** рафтани беиҷозат

самовоспита́ние *с* худтарбиякунӣ

самовосхвале́ние *с* худтаърифкунӣ, худситоӣ

самовыраже́ние *с* хештангароӣ; ~ **ли́чности** хештангароии фард

са́мого 1. *род. к* **са́мый, са́мое**; 2. *вин. к* **са́мый**

само́го *род. и вин. к* **сам, само́**

само́го́н *м* араќи дастӣ, шехор

самого́нка *ж. разг. см.* **самого́н**

самого́нный, -ая, -ое ...и араќи дастӣ; ~ **аппара́т** деги араќкашӣ

самодви́жущийся, -аяся, -ееся *см.* **самохо́дный**

самоде́йствующий, -ая, -ее худкор, худрав; ~ **механи́зм** механизми худкор

самоде́лка *ж разг.* чизи дастӣ, чизи дастисохт; **пистоле́т-**~ пистолети дастисохт

самоде́льный, -ая, -ое дастӣ сохташуда, дастисохт

самодержа́вие *с полит.* мутлаќият, истибдод, ҳукмронии мутлаќа

самодержа́вн||ый, -ая, -ое (самодержа́в|ен, -на, -но) *полит.* мутлаќ(а), мустабид(она); ~**ая власть** ҳокимияти мутлаќа

самоде́ржец *м уст.* ҳокими мутлаќ

самоде́ятельность *ж* 1. фаъолият, ташаббус; ~ **наро́дных масс** ташаббуси оммаи халќ 2. ҳаваскорӣ, ҳаваскорони санъат; санъати ҳаваскорон; **худо́жественная** ~ ҳаваскории бадеӣ

самоде́ятельный, -ая, -ое ...и ҳаваскорони санъат; ~ **теа́тр** театри ҳаваскорон; ~ **коллекти́в** дастаи ҳаваскорони санъат

самоди́йск||ий, -ая, -ое самодӣ; ~**ие наро́ды** халќҳои самодӣ; ~**ие языки́** забонҳои самодӣ

самодовле́ющий, -ая, -ее *книжн.* мустаќил, зотан муҳим, муҳимми биззот

самодово́льно *нареч.* худписандона, маѓрурона; ~ **улыба́ться** худписандона табассум кардан

самодово́льный, -ая, -ое (самодово|лен, -льна, -льно) худписанд, маѓрур(она); ~ **челове́к** одами худписанд; ~ **вид** намуди маѓрурона

самодово́льство *с* худписандӣ, маѓрурӣ

самоду́р *м* якраҳа, худсар, худдонам

самоду́рство *с* якраҳагӣ, худсарӣ, худдонамӣ

самоду́рствовать *несов.* якраҳагӣ (худсарӣ, худдонамӣ) кардан

само́е *вин. к* **сама́**

самое́ды *мн. уст.* самоедҳо; *см.* **не́нцы**

самозабве́ние *с* бехудӣ, фидокорӣ

самозабве́нно *нареч.* бехудона; фидокорона

самозабве́нный, -ая, -ое фидокорона

самозагото́вка *ж эк.* худтаҳиякунӣ (*таҳиякунии ашёи хом, сузишворӣ ва м. ин аз тарафи худи истеъмолкунанда*)

самозапи́сывающий, -ая, -ее худнавис; ~ **аппара́т** аппарати худнавис

самозарожде́ни||е *с биол.* худрустанӣ; **тео́рия** ~**я** назарияи худрустанӣ

самозаря́дн||ый, -ая, -ое худпуршаванда; ~**ая винто́вка** милтиќи худпуршаванда

самозата́чиваться *несов. тех.* худ ба худ тез (бурро) шудан

самозащи́т||а *ж* худмудофиакунӣ, худмуҳофизакунӣ; **в поря́дке** ~**ы** ба тариќи худмудофиакунӣ

самозва́нец *м* сохтаном, номдузд

самозва́нство *с* сохтаномӣ, номдуздӣ

самозва́ный, -ая, -ое сохтаном, номдузд

самоизлече́ние *с* худмуолиҷакунӣ, худшифоёбӣ

самоинду́кция *ж физ.* худиндукция

самоиспыта́ние *с* худозмоӣ

самоистребле́ние *с* худкушӣ, худнобудкунӣ

самоистяза́ние *с* худқинкунӣ, худазобдиҳӣ, худро азоб (азият) додан(и)

са́мой *дат. и тв. к* **са́мая**

само́й *род., дат. и предл. к* **сама́**

само́кат *м* 1. *уст. воен.* велосипед 2. самокат (*велосипеди бачагонаи беза́нҷир*)

самока́тн||ый, -ая, -ое 1. *уст. воен.* велосипедӣ, ...и велосипед; ~**ое подразделе́ние** ќисми велосипедчиён 2. *горн.:* ~**ая отка́тка руды́** худҳаракаткунии маъдан (*як навъи наќлиёти конҳо*)

самока́тчик *м уст. воен.* велосипедчӣ, сарбози велосипедчӣ

самокле́ющ||ийся, -аяся, -ееся худчаспак; ~**иеся обо́и** зардевории худчаспак; ~**аяся плёнка** навори худчаспак

самоконтро́ль *м* худназораткунӣ

самокри́тика *ж* худтанќидкунӣ

самокрити́ческий, -ая, -ое *см.* **самокрити́чный**

самокрити́чн||ый, -ая, -ое (самокрити́ч|ен, -на, -но) худтанќидкунона; ~**ое выступле́ние** баромади худтанќидкунона

самокру́тка I *ж прост.* папироси дастӣ

самокру́тка II *ж уст. и обл.* 1. духтаре, ки бе розигии падару модар ба шавҳар расидааст 2. никоҳи бе розигии падару модар

самолёт *м* самолёт; **тра́нспортный** ~ самолёти наќлиётӣ; **реакти́вный** ~ самолёти реактивӣ; **турбореакти́вный** ~ самолёти турбореактивӣ; **самолёт-перехва́тчик** самолёти раҳгир ◇ ~**-снаря́д** *воен.* самолёт-снаряд

самолётный, -ая, -ое ...и самолёт

самолётовожде́ние *с* самолётронӣ

самолёто-вы́лет *м* парвози самолёт; **пятьдеся́т** ~**ов за́ день** панҷоҳ парвози самолет дар як руз

самолётострое́ние *с* самолётсозӣ; илми самолётсозӣ

самолётострои́тельн||ый, -ая, -ое ...и самолётсозӣ; ~**ые предприя́тия** корхонаҳои самолётсозӣ

самолече́ние *с* худтабобаткунӣ

самоли́чно *нареч. прост.* худ, шахсан, шахсан худ, худи..., шахсан худи...

самоло́вн||ый, -ая, -ое *рыб.* ...и моҳигирӣ; ~**ая сна́сть** *рыб.* асбобу анҷоми моҳигирӣ, чела

самолюби́вый, -ая, -ое (самолюби́в -а, -о) худдуст(она), худпараст, ...и иззати нафсаш калон; ~ **хара́ктер** одами худпараст; **он о́чень самолюби́в** иззати нафсаш хеле калон аст, вай одами хеле худдуст аст

самолю́бие *с* худпарастӣ, худбинӣ; **боле́зненное** ~ худпарастии аз ҳад зиёд; **ло́жное** ~ худбинии бечо

самолюбова́ние *с* худпарастӣ

само́м *предл. к* **са́мый, са́мое**

само́м *предл. к* **сам, само́**

самомне́ние *с* худписандӣ, манманӣ, худдонамӣ

са́мому *дат. к* **са́мый, са́мое**

самому́ *дат. к* **сам, само**

самонаблюде́ние *с* худмуоинакунӣ

самонаведе́ние *с* худнишонгирӣ

самонаводя́щ||ийся, -аяся, -ееся худнишонгир; ~**аяся пу́шка** тупи худнишонгир

самонаде́янность *ж* худписандӣ, худдонамӣ, манманӣ

самонаде́янн||ый, -ая, -ое (самонаде́ян, -на, -но) худбовар(она), худдонам, манманикунанда, худписанд(она); ~**ая улы́бка** табассуми худбоварона

самообвине́ние *с* худгунаҳкоркунӣ, худро гунаҳкор кардан(и)

самооблада́ние *с* худдорӣ; **сохрани́ть** ~ худдориро нигоҳ доштан, худро гум накардан; **потеря́ть** ~ худро дошта натавонистан, худро гум кардан

самообличе́ние *с* худфошкунӣ, худошкоркунӣ, худро фош кардан(и)

самообложе́ние *с* андози байнихудӣ

самообма́н *м* худфиребӣ, худфиребдиҳӣ

самообогаще́ние *с* худбойкунӣ

самообольще́ние *с* худфиребӣ, худфиребдиҳӣ

самооборо́на *ж* худмудофиакунӣ, худмуҳофизаткунӣ, худро мудофиа кардан(и)

самообразова́ние *с* худомузӣ; **заня́ться** ~**м** бо худомузӣ машѓул шудан

самообразова́тельный, -ая, -ое худомузанда, ...и худомузӣ

самообслу́живание *с* худхизматрасонӣ; **столо́вая переведена́ на** ~ ошхона бо роҳи худхизматрасонӣ кор мекунад

самообуча́ющ||ийся, -аяся, -ееся худомӯз; ~**иеся маши́ны** мошинҳои худомуз

самоограниче́ние *с* худмаҳдудкунӣ

самоока́пывание *с воен.* барои худ хандаќ кофтан(и)

самоокисле́ние *с хим.* худтуршшавӣ, худ ба худ туршшавӣ, худ ба худ турш шудан(и)

самоокупа́емость *ж эк.* худтаъминшавӣ (*тарзи идоракунии хоҷагӣ, ки хароҷот бо даромадҳои дохилии он пур карда мешавад*)

самоокупа́ться *несов. см.* **самоокупи́ться**

самоокупи́||ться *сов. эк.* бо даромадхои худ (бе ёрдами беруни) таъмин шудан; **стройка ~лась** сохтмон бе ёрдами беруни таъмин шуд

самооплодотворе́ние *с биол.* худ аз худ бордоршавӣ *(оид ба организмҳои дуҷинса, мас. баъзе растаниҳо)*

самооправда́ние *с* худсафедкунӣ

самоопределе́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **самоопредели́ться** 1) худро муайян кардан(и) 2. *полит.* худмуайянкунӣ; **пра́во на́ций на ~** ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо

самоопредели́ться *сов.* 1. мавқеи худро дар ҷамъият ёфтан 2. *полит.* истиқлол пайдо кардан

самоопределя́ться *несов. см.* **самоопредели́ться**

самоопроки́дывающийся, -аяся, -ееся худчаппашаванда

самоопыле́ние *с бот.* бо гарди худ бордошавӣ; **~ пшени́цы** бо гарди худ бордоршавии гандум

самоопыля́ющийся, -аяся, -ееся *бот.* бо гарди худ бордоршаванда

самоотверже́ние *с* 1. *см.* **самоотве́рженность**; 2. *см.* **самоотрече́ние**

самоотве́рженно *нареч.* фидокор(она), бехудона; **~ боро́ться** фидокорона мубориза кардан

самоотве́рженность *ж* фидокорӣ, худро дареғ надоштан(и)

самоотве́рженный, -ая, -ое (самоотвержен, -на, -но) фидокор(она), худфаромуш(она), **~ учёный** олими фидокор; **~ посту́пок** кори (кирдори) фидокорона

самоотво́д *м* узроварӣ, худрадкунӣ; **вы́ступить с ~ом** узроварӣ кардан

самоотравле́ние *с мед.* худзаҳролудшавӣ

самоотрече́ние *с* дасткашӣ аз манфиатҳои шахсӣ

самооце́нка *ж* ба худ баҳодиҳӣ

самопа́л *м ист.* милтиқи пилтагӣ

самопи́сец *м* худнавис *(асбоби ченкунӣ)*

самопи́ска *ж разг.* қалами худнавис

самопи́шущий, -ая, -ее худнавис; **~ при́бор** асбоби худнавис

самопла́вк||ий, -ая, -ое зудгудоз; **~ие ру́ды** маъданҳои зудгудоз

самопогру́зчик *м тех.* худборкунанда

самопоже́ртвование *с* фидокунӣ, худфидокунӣ, қурбоншавӣ, худро фидо кардан(и)

самопозна́ние *с книжн.* худшиносӣ, хештаншиносӣ

самопрове́рка *ж* худтафтишкунӣ

самопроизво́льно *нареч.* худ ба худ, худ аз худ, беихтиёрона

самопроизво́льность *ж* худ ба (аз) худ пайдошавӣ, беихтиёрӣ

самопроизво́льный, -ая, -ое (самопроизво́|лен, -льна, -льно) худ аз худ пайдошуда, беихтиёрона; **~ жест** ишораи беихтиёрона

самопря́лка *ж* чархи поякӣ

самопу́ск *м тех.* 1. худкорандоз 2. *см.* **ста́ртер**

саморазви́тие *с* 1. худ ба худ инкишофьёбӣ 2. *филос.* худинкишофьёбӣ *(инкишофе, ки бо сабабҳои дохилӣ ба вуҷуд меояд)*

саморазгружа́ющийся, -аяся, -ееся *тех.* худборфурор; **~ ваго́н** вагони худборфурор

саморазгру́зчик *м тех.* худборфурор

саморазложе́ние *с хим.* худтаҷзияшавӣ

саморегистри́рующий, -ая, -ее *тех.* худқайдкунанда, худ ба худ қайдкунанда; **~ при́бор** асбоби худқайдкунанда

саморегуля́ция *ж* худтанзимшавӣ; **~ фа́уны** худтанзимшавии олами ҳайвонот

самореклама *ж* худтаърифкунӣ, худситоӣ

саморо́дный, -ая, -ое (саморо́д|ен, -на, -но) 1. худруй, табиӣ, холис; **~ мета́лл** металли худрӯй 2. *перен.* фитрӣ; **~ тала́нт** истеъдоди фитрӣ

саморо́док *м* 1. порчаи худруи маъдани холис; **золото́й ~** порчаи худруи тиллои холис 2. *перен.* [одами] боистеъдоди худомуз; **изобрета́тель-~** ихтироъгари боистеъдоди худомуз

самоса́д *м обл.* тамокуи дастӣ

самоса́дка I *ж см.* **самоса́д**

самоса́дка II *ж* намаки таҳшин

самосбро́ска *ж с.-х.* ғарампарто *(мошини дарав, ки ғалларо даравида туда-туда мепартояд)*

самосва́л *м тех.* самосвал

самосе́в *м с.-х., бот.* 1. *(сев)* худкиштшавӣ 2. *(растение)* худруй

самосе́йка *ж с.-х., бот.* худруй *(растание, ки аз тухми рехташ худ (аз худ меруяд)*; **мак-~** кукнори худруй

самосма́зка *ж тех.* равғанмолии автоматӣ

самосоверше́нствование *с* худтакмилдиҳӣ, худро такмил додан(и)

самосогрева́ние *с* худгармкунӣ, худтафсонӣ

самосожже́ние *с рел.* худсӯзонӣ, худсузӣ

самосозна́ние *с* худогоҳӣ; **кла́ссовое ~** худогоҳии синфӣ

самосохране́ни||е *с* худмуҳофизакунӣ, худнигоҳдорӣ; **инсти́нкт ~я** савқи табиии худнигоҳдорӣ

самоспла́в *м* чубоқонӣ

самости́йность *ж полит.* мустақилият *(ҳаракати буржуазии контрреволюционӣ, ки дар Украина дар зери байрақи худмуайянкунии миллӣ ҷараён меёфт)*

самости́йный, -ая, -ое *полит.* мустақил

самостоя́тельно *нареч.* мустақилона, бо ихтиёри худ, ба сари худ; **~ вести́ себя́** мустақилона рафтор кардан; **~ жить** алоҳида зиндагӣ кардан

самостоя́тельность *ж* истиқлол, соҳибихтиёрӣ, мустақилӣ; **полити́ческая ~** истиқлоли сиёсӣ; **хозя́йственная ~** соҳибихтиёрии хоҷагӣ; **прояви́ть ~** мустақилӣ нишон додан

самостоя́тельн||ый, -ая, -ое (самостояте|лен, -льна, -льно) 1. мустақил(она), соҳибихтиёр(она); **~ое госуда́рство** давлати мустақил; **~ая жизнь** ҳаёти мустақил; **встать на путь ~ого разви́тия** бо роҳи инкишофи соҳибихтиёрона рафтан//алоҳида; **~ый разде́л нау́ки** соҳаи алоҳидаи илм 2. собитқадам, боҷуръат; **~ый челове́к** одами собитқадам 3. мустақилона, ба худ хос; **~ый посту́пок** рафтори мустақилона; **~ый взгляд на ве́щи** нуқтаи назари ба худ хос; **~ое произведе́ние** асари мустақилона ◇ **~ое предложе́ние** *грам.* ҷумлаи мустақил

самостре́л I *м ист.* камон; камонғулак

самостре́л II *м* 1. худмаҷрӯҳӣ 2. сарбози худмаҷруҳ

самостре́льный, -ая, -ое 1. ...и камон; ...и камонғулак 2. *уст.* ...и камони худандоз

самосу́д *м* сангсор, хармурд

самотверде́ющ||ий, -ая, -ее *стр.* худсахтшаванда; **~ие сме́си** соруҷи худсахтшаванда

самотёк *м* 1. худ ба худ ҳаракат кардани об, худҷоришавии об 2. *перен.* бепланӣ, номунтазамӣ; **пусти́ть де́ло на ~** корро ба ҳоли худ гузоштан

самотёком *нареч.* 1. худ ба худ, худ аз худ; **вода́ идёт ~** об худ ба худ ҷорӣ мешавад 2. *перен.* беплан, ба ҳоли худ, номунтазам; **рабо́та идёт ~** кор ба ҳоли худ рафта истодааст

самоторможе́ние *с* худтормоздиҳӣ

самоуби́йственный, -ая, -ое (самоубийствен, -на, -но) худкушона

самоуби́йство *с* худкушӣ, интиҳор, худро куштан(и); **поко́нчить жизнь ~м** худро куштан

самоуби́йца *м, ж* худкуш

самоуваже́ние *с* худэҳтиромкунӣ, худро эҳтиром кардан(и)

самоуве́ренно *нареч.* худбоварона, мағрурона; **~ заяви́ть** худбоварона изҳор кардан

самоуве́ренность *ж* худбоварӣ, мағрурӣ; **изли́шняя ~** худбоварии барзиёд

самоуве́рен||ный, -ая, -ое (самоуверен, -на, -но) худбовар(она), мағрур(она); **~ый челове́к** одами худбовар; **~ый посту́пок** кори худбоварона; **~ое поведе́ние** рафтори мағрурона

самоуниже́ние, самоуничиже́ние *с* ҳақирӣ, фурутанӣ

самоуплотне́ние *с* дар хонаи худ ба касе ихтиёри ҷой додан(и)

самоуплотни́ться *сов.* дар хонаи худ ба касе ихтиёри ҷой додан

самоуплотня́ться *несов. см.* **самоуплотни́ться**

самоуправле́ние *с* 1. худидоракунӣ; **ме́стное ~** худидоракунии маҳаллӣ 2. ҳуқуқи худидоракунӣ

самоуправля́ться *несов.* худ идора кардан

самоуправля́ющ||ийся, -аяся, -ееся худидоракунанда; **~аяся организа́ция** ташкилоти (муассисаи) худидоракунанда

самоупра́вн||ый, -ая, -ое худсар, худсарикунанда, худсарона; **~ые де́йствия** кирдорҳои худсарона

самоупра́вство *с* худсарӣ

самоупра́вствовать *несов.* худсарӣ кардан, пеши худ кор кардан

самоусоверше́нствование *с см.* **самосоверше́нствование**

самоуспокое́ние *с*, **самоуспоко́енность** *ж* бепарвоӣ, хотирҷамъӣ

самоустране́ние *с* худдуркунӣ, худро дур кардан(и)

самоустрани́ться *сов. от кого-чего* худро дур кардан, худро канор кашидан, аз кори худ даст кашидан; **~ от рабо́ты** худро аз коре дур кардан

самоустраня́ться *несов. см.* **самоустрани́ться**

самоутвержде́ние *с* худсобиткунӣ

самоучи́тель *м* китоби худомузӣ; **~ англи́йского языка́** китоби худомузии забони англисӣ; **~ шахма́тной игры́** китоби худомузии шоҳмотбозӣ

самоу́чк||а *м, ж разг.* 1. худомуз; **худо́жник-~** рассоми худомуз 2. *в знач. нареч.* **самоу́чкой** бо роҳи худомузӣ; **научи́ться чита́ть ~ой** бо роҳи худомузӣ хонданро ёд гирифтан

самохва́л *м разг.* лофзан, худситo, худтаърифкунанда

самохва́льство *с разг.* лофзанӣ, худситоӣ, худтаърифкунӣ, худро таъриф кардан(и)

самохо́д *м тех.* 1. худгардӣ 2. мошини худгард

самохо́дка *ж см.* **самохо́д** 2

самохо́дн||ый, -ая, -ое *тех.* худгард; **~ый комба́йн** комбайни худгард; **~ая артилле́рия** артиллерияи худгард

самоцве́тный, -ая, -ое 1. ...и сангхои қиматбаҳо 2. *уст. и обл.* (*разноцветный*) рангоранг

самоцве́ты *мн.* (*ед.* **самоцве́т** *м*) ҷавоҳирот, сангҳои қиматбаҳо; сангҳои зинатӣ (ороишӣ); **ура́льские ~** сангҳои қиматбаҳои Урал

самоце́ль *ж* мақсади ягона, ягона мақсад; **образова́ние не должно́ быть ~ю** маълумот набояд мақсади ягона бошад

самочи́нный, -ая, -ое худсар(она)

самочи́нство *с* худсарӣ

самочи́нствовать *несов.* худсарӣ кардан, худсарона рафтор кардан

самочу́вствие *с* ҳолат, аҳвол, кайфияти ҳол; **хоро́шее (плохо́е) ~** аҳволи хуб (бад); **как ва́ше ~?** аҳволи шумо чӣ тавр аст?

сам-пят *прил. неизм. уст. и прост.* 1. (*о людях*) панҷ кас, панҷ нафар 2. (*об урожае*) панҷкарата

сам-сём *прил. неизм. уст. и прост.* 1. (*о людях*) ҳафт кас, ҳафт нафар 2. (*об урожае*) ҳафткарата

сам-трете́й *прил. неизм. уст. и прост.* 1. (*о людях*) се кас, се нафар 2. (*об урожае*) секарата, сечанда

саму́м *м* боди самум

самура́й *м* самурай (1. *намояндаи табақаи ҳарбӣ-феодалӣ дар Япония* 2. *намояндаи ҷангҷӯёни империалистии Япония*)

самура́йский, -ая, -ое ...и самурай

самши́т *м бот.* шамшод

самши́товый, -ая, -ое шамшодӣ, ...и шамшод, ...и чӯби шамшод

са́м||ый *мест. опред.* (самая, самое, са́мые) 1. *с личн. и указ. мест.* «*тот*», «*этот*» (*именно, как раз*): **тот ~ый** худи он, ҳамон, худи ин; **э́того ~ого** худи инро; **така́я же ~ая** худи ҳамин хел; **на том ~ом ме́сте** дар худи ҳамон ҷо 2. *с сущ., обозначающими место или время* (*в точности, как раз*) худ, худи...: **в ~ом це́нтре** дар худи марказ; **с ~ого нача́ла** аз ибтидо, аз аввал; **до ~ого до́ма** то худи хона; **о́коло ~ой полу́ночи** қариби нимии шаб; **в ~ом низу́** дар худи таг; **на ~ом краю́ го́рода** дар канораи шаҳр; **с ~ого утра́** аз пагоҳии барвақт; **над ~ой голово́й** боло-болои сар; **у ~ой воды́** дар лаби ҷӯй (об); **у ~ого мо́ря** дар канори баҳр; **~ое вре́мя** худи вақташ, айни вақташ, вақти мусоид 3. *служит для выделения сущ.* худи..., ...и худ; **~ый костю́м его́ был осо́бенно аккура́тен** худи костюми вай махсусан ботартиб буд. 4. *образует превосх. ст. прил.* аз ҳама; **~ый большо́й** аз ҳама калон; **~ая интере́сная кни́га** китоби аз ҳама мароковар (*указывает крайний предел признака*) айни..., дар айни..., **~ая гу́ща ле́са** айни зичии беша; **в ~ые су́мерки** дар айни гавгумӣ; **в ~ый разга́р сезо́на** дар авҷи мавсим; **на ~ом солнцепёке** дар офтобтеға ◇ **~ое бо́льшее** зиёдаш, аз ҳама зиёдаш; **~ое ме́ньшее** камаш; **в ~ом де́ле** *в знач. вводн. сл.* ҳақиқатан, дар ҳақиқат, воқеан; ба ростӣ; **на ~ом де́ле** дар амал, дар ҳақиқат; **в ~ую по́ру**, **в ~ый раз** 1) (*вовремя*) айни вақташ, айни муддао 2) (*подходит*) боб, соз, муносиб 3) (*впору — об одежде, обуви*) худи худаш, айнан, лоппа-лонқ; **в ~ом соку́** 1) (*о растениях*) дар айни тароват 2) (*о людях*) дар айни шаст

сан *м* рутба, мартаба, мансаб; **~ свяще́нника** рутбаи руҳонӣ; **носи́ть высо́кий ~** мартабаи баланд доштан

сан= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «санитарӣ»:* **санба́т** батальони санитарӣ; **медсанба́т** батальони тиббӣ-санитарӣ

санато́рий *м* санатория, шифохона

санато́рно-куро́ртн||ый, -ая, -ое санаторӣ-курортӣ; **~ая коми́ссия** комиссияи санаторӣ-курортӣ

санато́рн||ый, -ая, -ое ...и санатория; **~ое лече́ние** муолиҷаи санаторӣ, муолиҷа дар санатория; **~ый режи́м** режими санатория

сана́ция *ж* санация (1. *мед. мушоҳидаи доимӣ ва муолиҷаи ҳолигии даҳон* 2. *эк. дар мамлакатҳои капиталистӣ — маҷмуи чорабиниҳое, ки ба ҳисоби давлат ё бонкҳо барои ёрӣ расондан ба монополияҳо дида мешавинд*)

санба́т *м* (санита́рный батальо́н) батальони санитарӣ

санвра́ч *м* (санита́рный врач) духтури санитарӣ

сангви́ник *м* дамавӣ, зиндадил, шӯх

сангвини́ческий, -ая, -ое ...и зиндадилона; **~ темпера́мент** табиати зиндадилона

санги́на *ж* сангина (*қалами қирмизӣ ва расме, ки бо он қалам кашида шудааст*)

санда́л *м* сандали

сандалеты *мн.* (*ед.* **сандале́та**) *ж* шиппакча

санда́лии *мн.* (*ед.* **санда́лия** *ж*) шиппак

санда́лить *несов. что* 1. сандал молидан 2. *прост.* (*сильно тереть*) сахт молидан, бо шиддат молидан

санда́ловый, -ая, -ое *см.* **санта́ловый**

сандви́ч *м* сандвич (*ду порча ноне, ки дар байнашон хӯрише бошад*)

са́ндрик *м архит.* гулгач (*ороиши пештоқи тиреза*)

сандружи́на *ж* (санитарная дружи́на) дружинаи санитарӣ

сандружи́нник *м* узви дружинаи санитарӣ

сандружи́нница *женск. к* **сандружи́нник**

са́н||и *тк. мн.* чана; **е́хать в ~ях (на ~ях)** бо чана роҳ рафтан; **не в свои́ ~и не сади́сь** *посл.* ≈ ба курпаат нигоҳ карда по дароз кун

санинспе́ктор *м* (санита́рный инспе́ктор) нозири санитарӣ; **~ рыбоохра́ны** нозири санитарии муҳофизати моҳӣ

саниностру́ктор *м* (санитарный инструктор) инструктори санитарӣ (*ходими хурди шиббӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои табобатӣ*)

сани́ровать *сов., несов. кого-что мед., эк.* санация кардан

санита́р *м* санитар (1. *ходими хурди тиббӣ дар беморхона* 2. *воен. аскари қисми тиббӣ, ки дар вақти ҷанг аскарони маҷруҳро аз майдони ҷанг гирифта мебарорад*)

санитари́я *ж* санитария (1. *илми нигаҳдории тандурустии ҷамъияти* 2. *маҷмуи чорабиниҳои тандурустии ҷамъияти*); **произво́дственная ~** санитарияи истеҳсолӣ

санита́рка *женск. к* **санита́р**

санита́рно-гигиени́ческ||ий, -ая, -ое санитарии гигиенӣ; **~ое состоя́ние** ҳолати санитарии гигиенӣ

санита́рно-оздорови́тельн||ый, -ая, -ое санитарии беҳдоштӣ; **~ые учрежде́ния** муассисаи санитарии беҳдоштӣ

санита́рно-просвети́тельный, -ая, -ое санитарии маърифатӣ

санита́рно-техни́ческ||ий, -ая, -ое санитарии техникӣ; **~ие изде́лия** маснуоти санитарии техникӣ; **~ая слу́жба** умури санитарии техникӣ; **~ие устро́йства** таҷҳизоти санитарии техникӣ

санита́рно-эпидемиологи́ческ||ий, -ая, -ое санитарии эпидемиологӣ; **~ая слу́жба** умури санитарии эпидемиологӣ; **~ая ста́нция** станцияи санитарии эпидемиологӣ

санита́рн||ый, -ая, -ое санитарӣ, ...и санитария; **~ый инспе́ктор** инспектори санитарӣ; **~ое просвеще́ние** маорифи санитарӣ; **~ая обрабо́тка** тасфияи санитарӣ

са́нки *тк. мн.* чанача

санкциони́ровать *сов., несов. что юр.*

и книжн. иҷозат (рухсат) додан, тасдиқ кардан; ~ решéние судá қарори судро тасдиқ кардан

санкционироваться *несов. страд. книжн.* иҷозат дода шудан

санкци||я *ж* 1. *юр.* иҷозат, рухсат, тасдиқ, тасвиб; **дать ~ю на чтó-л.** *кому* ба кардани коре рухсат додан 2. *мн.* **сáнкции** *полит.* муҷозот, чорахои ҷазо; **воéнные ~и** муҷозоти ҳарбӣ

санкюлот *м* санкюлот (*иштирокчии революцияи буржуазии Франсияи асри 18*)

сáни||ый, -ая, -ое ...и чана; **~ые полозья** кушқоракҳои чана//чанагард; **~ый путь** роҳи чанагард; **~ый спорт** варзиши чанаронӣ

сановитость *ж* бовиқорӣ, ботамкинӣ

сановúтый, -ая, -ое (сановит, -а, -о) 1. *см.* **санóвный** 1; 2. бовиқор, ботамкин

сановник *м уст.* шахси олимартаба, амалдори олимақом; **цáрские ~и** амалдорони олимақоми подшоҳӣ

сановница *ж уст.* зани шахси олимартаба

санóвный, -ая, -ое 1. олимартаба, олимақом, олимансаб 2. (*важный*) бовиқор, ботамкин

сáночки *тк. мн. уменьш.-ласк.* к **сáнки**; **лю́бишь кататься — люби и ~ возúть** *посл.* ≈ ганҷ бе ранҷ нест; касе гул хоҳад, бояд миннати хор кашад

сáночник *м спорт.* чанарон

санскрúт *м филол.* санскрит

санскритóлог *м* санскритшинос

санскрúтск||ий, -ая, -ое санскритӣ, ...и санскрит; **~ий язы́к** забони санскритӣ; **~ие тексты** матнҳои санскритӣ

сантал *м бот.* дарахти сандал

сантáлов||ый, -ая, -ое ...и сандал; **~ое дéрево** *бот.* дарахти сандал

сантéхник *м* сантехник, мутахассиси техникаи санитарӣ

сантехника *ж* техникаи санитарӣ

санти- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои сад бор камтар аз воҳиди асосиро ифода мекунад:* **сантимéтр** садьяки метр

сантиграмм *м* сантиграмм (*садьяки грамм*)

сантимéтр *м* 1. сантиметр (*садьяки метр*) 2. чадвал, тасмаи ченак

сантиметрóвый, -ая, -ое ...и сантиметр, яксантиметра

санýзел *м* (санитарный узел) санузел (*мустароҳ, ҷои дастурӯӣ, души ё ванна*)

санчáсть *ж* (санитáрная часть) қисми санитарӣ, шуъбаи санитарӣ

сап I *м вет., мед.* мишмиша, оксил

сап II *м разг.* фиш-фиш

сап||а *ж воен.* нақб ◇ **тихой ~ой** пойда-пойда, рустӣ, хапу дам

сапёр *м* сапёр (*хизматчии ҳарбии қисмҳои инженерӣ ва бинокорӣ*)

сапёрн||ый, -ая, -ое *воен.* сапёрӣ, ...и сапёр; **~ое дéло** кори сапёрӣ; **~ые части** қисмҳои сапёрӣ

сапн||óй, -ая, -óе *вет., мед.* ...и мишмиша; ...и оксил; **~ая лошадь** аспи оксил

сапог||и́ *мн.* (*ед.* **сапог** *м*) муза; **болотные ~и́** музаи ботлоқгардӣ; **кирзóвые ~и́** музаи кирзӣ ◇ **~и́ всмятку** сафсата, гапи бемаънӣ; **быть под ~óм** *кого, чьим, у кого* мутеъ (фармонбардор) будан; **два ~á пáра** кар (кал) додари кур

сапóжки *мн.* (*ед.* **сапожóк** *м*) *уменьш.* к **сапогú**

сапóжник *м* 1. музадуз, кафшдуз, маҳсидуз 2. *перен. прост.* ноуҳдабаро, одами бемаҳорат ◇ **как ~ напúться** масти лоқайд шудан, мурданивор нушидан

сапóжничать *несов.* музадузӣ (кафшдузӣ) кардан, маҳсидузӣ кардан

сапóжн||ый, -ая, -ое ...и музадузӣ, ...и музадуз; ...и муза; **~ая мастерскáя** устохонаи музадузӣ; **~ое ремеслó** касби музадуз; **~ая щётка** чуткаи музатозакунӣ

сапонúны *мн.* (*ед.* **сапонúн** *м*) *хим.* сапонинҳо

сапрофúты *мн.* (*ед.* **сапрофúт** *м*) *биол.* сапрофитҳо (*организмҳое, ки моддаҳои пусидаи набототӣ ва ҳайвониро дигар сохта ба моддаҳои ғайриорганикӣ табдил медиҳанд*)

сапфúр *м мин.* ёқути кабуд

сапфúровый, сапфирный, -ая, -ое 1. ...и ёқути кабуд; ~ **пéрстень** ангуштарини сангаш ёқути кабуд 2. (*о цвете*) кабуди баланд

сарабáнда *ж* сарабанда (*рақси қадими испанӣ ва мусиқии он*)

сарáй *м* анбор; **дровянóй** ~ ҳезумхона // *перен.* хонаи носоз (ноқулай, бероҳат)

сарáйный, -ая, -ое ...и анбор

саранча *ж и собир. зоол.* малах; **как ~** малах барин

саранчóвый, -ая, -ое ...и малах // *в знач. сущ. зоол.* **саранчóвые** *мн.* малахҳо

сарафан *м* сарафан (*куртаи беостини занона*)

сарацúны *мн.* (*ед.* **сарацúн** *м*) *ист.* сарацинҳо (*тоифаҳои Арабистон, ки дар асарҳои таърихнигорони антиқӣ зикр карда мешавад; дар асрҳои миёна — арабҳо*)

сардáр *м см.* **сердар**

сардельки *мн.* (*ед.* **сардéлька** *ж*) сарделька, ҳасибча, лакона, мубоча

сардúна, сардúнка *ж зоол.* сардина, саморис

сардóникс *м мин.* ақиқ, яшм

сардонúческ||ий, -ая, -ое заҳромез, заҳролуд, истеҳзоомез; **~ий смех** заҳрханда; **~ая улы́бка** табассуми заҳромез

сáржа *ж* лас; **шёлковая ~** ласи шоҳӣ

саржев||ый, -ая, -ое ...и лас; **~ая подклáдка** астари лас

сáри *с нескл.* сорӣ (*пироҳани занони Ҳиндустон*)

сарказм *м* таънаи истеҳзоомез, писханд, пичинг; **говорúть с ~ом** бо пичинг гап задан

саркастúческ||ий, -ая, -ое истеҳзоомез, заҳролуд, масхараомез; **~ое замечание** танбеҳи истеҳзоомез

саркастúчный, -ая, -ое (саркастúч|ен, -на, -но) *см.* **саркастúческий**

саркóма *ж мед.* реши равон

саркофáг *м* тобути сангин, дахма

сармáтский, -ая, -ое ...и сармат, ...и сарматҳо

сарматы *мн.* (*ед.* **сармат** *м*) сарматҳо (*қабилаҳои кӯчманчӣ, ки дар асрҳои 5—4 то милод дар ноҳияи аз дарёи Тобол то Волга зиндагӣ мекарданд*)

сарпúнка *ж* сарпинка, сарфинка (*як навъи матои тунук*)

сары́ч *м зоол.* кирғи

сатанá 1. *м* шайтон, иблис 2. *м, ж прост. бран.* сабилмонда

сатанéть *несов. разг.* ақл гум кардан, сахт бадқаҳр шудан

сатанúнск||ий, -ая, -ое 1. ...и шайтон, ...и иблис // бадқаҳрона, девонавор; **~ий зáмысел** нияти бад 2. *перен. разг.* сахт, аз ҳад зиёд (афзун); **~ая гóрдость** ғурури аз ҳад зиёд

сателлúт *м* 1. *астр.* ҳамроҳи сайёра 2. *перен.* думрав, пайрав, ҳошиябардор; **~ы империалúзма** думравони империализм

сатúн *м* чит

сатúнов||ый, -ая, -ое ...и чит; **~ая рубáшка** куртаи чит

сатúр *м миф.* сатир (*дар асотири Юнони Қадим олиҳаи бадзот, ёри бадмасту бадгарди худои айшу тараб Дионис; маҷозан одами бадмасту айёшу бадгард*)

сатúр||а *ж* 1. *лит.* ҳаҷв; **гнéвная ~а** ҳаҷви сахт; **бич ~ы** неши ҳаҷв 2. (*насмешки*) писханд, тамасхур

сатúрик *м лит.* ҳаҷвнавис

сатирúческ||ий, -ая, -ое 1. *лит.* ҳаҷвӣ; **~ий журнáл** журнали ҳаҷвӣ 2. ҳаҷвомез, писхандона; **~ое описáние** тасвири ҳаҷвомез

сатисфáкция *ж уст.* сатисфакция, қаноатхоҳӣ, қаноатталабӣ, тасалло (*бо ҷанги тан ба тан тасалло додани таҳқиргар таҳқирдидаро*)

сатрап *м* 1. *ист.* волӣ, ҳоким (*дар Эрони қадим*) 2. *перен. книжн.* сардори якрав

сатрапия *ж ист.* вилоят

сатурáтор *м* сатуратор (*асбобест барои махлул кардани гази карбон дар моеъ*)

сатурáция *ж тех.* сатурация (*маҳлул кардани газ дар моеъ*)

сатурналии *мн.* 1. сатурналияҳо (*дар Рими Қадим ҷашни тамом шудани мавсими зироат*) 2. *перен. уст. книжн.* айшу нуш

сатурнúзм *м мед.* сатурнизм (*заҳролудшавӣ аз буғи қурғошим*)

сафлóр *м* 1. *бот.* маъсар 2. ранги маъсар

сáфра *ж* сафра (*мавсими ғундоштани пайшакар дар Америкаи Лотинӣ*)

сафья́н *м* сахтиён, сафён, тимоҷ

сафья́новый, -ая, -ое ...и сахтиён, ...и сафён; ~ **переплёт** ҷилди сахтиён

сáхар *м* 1. қанд, шакар; **кóлотый ~** қанди лунда 2. *прост.* (*о чём-л. приятном*) асал барин, қанд барин, лаззат, лазиз // (*о ком-л. приятном*) форам, дилкаш 3. *хим.* қанд; **молочный ~** қанди шир ◇ **~-медóвич** одами ширин-

забони хушомадгӯӣ; **чай да ~!** *уст. прост.* мондаҳои чойхурӣ!; **он тоже не ~** вай ҳам аноӣ не

сахарин *м* сахарин *(пайвасти органикӣ; қанди сунъӣ)*

сахаристость *ж* қанднокӣ, ширинӣ; **~ винограда** ширинии ангур

сахарист||ый, -ая, -ое (сахарист, -а, -о) 1. *(сладкий)* қанднок, ширин 2. *тк. полн. ф. хим.* қанддор, шакарнок; **~ые вещества** моддаҳои қанддор

сахарить *несов. что* шакар пошидан, қанд андохтан, ширин кардан

сахарница *ж* қанддон, шакардон

сахари||ый, -ая, -ое 1. ...и қанд; **~ый завод** заводи қанд; **~ый песок** шакар 2. *(о растениях)*: **~ый тростник** найшакар; **~ая свёкла** лаблабуи қанд 3. *(из сахара)* қандин; **~ый петушок** хурусчақанд 4. *перен.* шакармонанд, қандмонанд 5. *перен. разг.* хушомадгуёна, ақлдузд; **~ый голос** овози хушомадгуёна ◇ **~ая болезнь** *см.* **диабет**

сахаровар *м* қандпаз, қаннод

сахароварение *с* қандпазӣ, қаннодӣ

сахароваренный, -ая, -ое ...и қандпазӣ, ...и қаннодӣ; **~ завод** заводи қаннодӣ

сахаровариый, -ая, -ое *см.* **сахароваренный**

сахароза *ж хим.* сахароза *(қанди найшакар ё лаблабу)*

сахарозаводчик *м* соҳиби заводи қанд

сахароносн||ый, -ая, -ое қанддор; **~ые растеиия** набототи қанддор

сачок *м* домхалта; **~ для ловли бабочек** домхалтаи шапалакдорӣ

сбавить *сов.* 1. *что* кам кардан, гузашт кардан; **~ рубль с килограмма** аз ҳар килограмм якнсумӣ кам кардан 2. *что, чего, в чём разг.* кам (паст) кардан; **~ скорость** суръатро кам кардан; **~ газ** *прост.* ҳаракати мошинро суст кардан; **~ спеси** ғурурро паст кардан; **больной сбавил в весе** бемор лоғартар шуд; **~ цену** нархро паст кардан, арзон кардан

сбавиться *сов. разг.* кам (паст) шудан

сбавка *ж* 1. *(по знач. гл.* **сбавить**) кам кардан(и), паст кардан(и); **~ в весе** лоғаршавӣ; **~ цены** пасткунии нарх 2. *(скидка)* тахфиф

сбавлять *несов. см.* **сбавить**

сбагрить *сов. кого-что прост.* халос шудан, равона карда халос шудан; **~ макулатуру** аз коғазу китобҳои бекора халос шудан

сбалаисировать *сов. что бухг.* баланс (баробар) кардан

сбалтывать *несов. см.* **сболтать**

сбега||ть *сов. разг.* тохта (давида) рафта омадан, зуд (тез) рафта омадан; **~й за отцом** тохта рафта падаратро фарьёд кун; **~ть за хлебом** давида рафта нон овардан

сбегать *несов.* 1. *см.* **сбежать**; 2. *(о дороге, тропинке)* ба нишебӣ гузаштан

сбегаться *несов. см.* **сбежаться**

сбежа||ть *сов.* 1. *с чего* тохта (давида) фуромадан // *(стечь)* шорида фуромадан, ҷорӣ шуда фуромадан 2. гурехтан, фирор кардан, ғоиб шудан; **~ть из плена** аз асорат гурехтан; **у меня ~ла собака** сагам гурехта рафт; **мальчик ~л с урока** бача аз дарс гурехт 3. *перен.* нопадид шудан, барҳам хурдан; **с её лица ~ла улыбка** табассум аз руяш барҳам хурд 4. *разг.* дамида рехтан; **молоко ~ло** шир дамида рехт

сбежа||ться *сов.* тохта ҷамъ шудан, аз ҳар тараф давида омадан; **на площадь ~лись люди** одамон тохта дар майдон ҷамъ шуданд

сберегательн||ый, -ая, -ое: **~ая касса** кассаи амонатӣ; **~ая книжка** дафтарчаи амонатгузорӣ

сберегать *несов. см.* **сберечь**

сберегаться *несов.* 1. *см.* **сберечься**; 2. *страд.* нигоҳ дошта шудан, муҳофизат карда шудан

сбережени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **сберечь**) нигоҳдорӣ, эҳтиёт кардан(и); сарфа (захира, пасандоз) кардан(и); **~е рукописей от порчи** аз фитшавии эҳтиёт кардани дастнависҳо 2. *чаще мн.* **сбережения** пули сарфа (пасандоз) кардашуда; **трудовые ~я** пасандози меҳнати

сберечь *сов.* 1. *кого-что* нигоҳ доштан, эҳтиёт кардан; **~ вещи от моли** ашьёҳоро аз митта эҳтиёт доштан 2. *что* сарфа (захира, пасандоз) кардан; **~ деньги** пул захира кардан

сберечься *сов. разг.* эҳтиёт шудан

сберкасса *ж* (сберегательная касса) кассаи амонатӣ, кассаи амонатгузорӣ

сберкнижка *ж* (сберегательная книжка) дафтарчаи амонатгузорӣ

сбеситься *сов. прост.* 1. девона (ҷиннӣ) шудан 2. *перен.* сахт дарғазаб шудан, хашмгин шудан

сбивание *с* *(по знач. гл.* **сбить**) зада баровардан(и); фишор дода баровардан(и); зада афтондан(и); сохтан(и); кафк кунондан(и), кашидан(и); **~ досок** тахтабандӣ, мехкуб кардани тахтаҳо; **~ масла** ҷудо кардани маска

сбивать *несов. см.* **сбить**

сбиваться *несов.* 1. *см.* **сбиться**; 2. *на что разг. (становиться похожим)* монанд шудан 3. *страд.* зада ғалтонда шудан; кафк кунонда шудан

сбивка *ж* *(по знач. гл.* **сбить** 1, 8, 10) зада баровардан(и); сохтан(и); кафк кунондан(и), кашидан(и)

сбивчиво *нареч.* бесару нуг, номафҳум; **~ рассказывать** печ дар печ накл кардан

сбивчивость *ж* бесарунугӣ, номафҳумӣ, ихтилофнокӣ; **~ показаний** бесарунугии баёнот

сбивчивый, -ая, -ое (сбивчив, -а, -о) 1. бесару нуг, ихтилофнок, печ дар печ, номафҳум; **~ рассказ** ҳикояи печ дар печ, нақли бесару нуг 2. номунтазам; **~ пульс** набзи номунтазам

сбирать(ся) *несов. уст. прост. см.* **собрать(ся)**

сбитень *м уст.* обангубин

сбит||ый, -ая, -ое 1. *прич.* зада ғалтондашуда; сохташуда 2. *прил.* фарсуда, суда, озурда; **~ая пятка** пошнаи озурда; **~ая дорога** роҳи вайроншуда 3. *прил.* қаллокӣ; **~ые сливки** қаймоқи ғафс

сбить *сов.* 1. *кого-что* зада ғалтондан (афтондан, баровардан); **~ с ног кого-л.** касеро зада ғалтондан; **~ яблоко с ветки** себро зада афтондан; **~ замок с двери** қулфи дарро зада баровардан 2. *что* кунд (фит, суда, хурда) кардан; **~ подковы о камни** наълҳоро ба санг зада фит кардан; **~ каблуки** пошнаро фит кардан; **~ дорогу** роҳро дағар-буғур (вайрон) кардан // *разг. (стереть кожу)* озурдан; **~ пятку** пошнаи поро озурдан 3. *кого-что* бо тир зада ғалтондан, бо тир захмдор кардан, бо тир куштан; **~ утку** мурғобиро тир зада куштан; **~ самолёт** самолётро зада афтондан 4. *кого-что (оттеснить)* фишор дода баровардан, танг карда баровардан 5. *кого-что с чего* задан, баровардан; **~ с дороги** аз роҳ задан 6. *кого перен. разг.* саросема кардан, гап гум кунондан; **•ученика сбили трудные вопросы** саволҳои мушкил талабаро саросема карданд 7. *что* кам (паст) кардан, фуровардан; **~ пламя** алангаро паст кардан; **~ температуру** ҳароратро фуровардан; **~ цену** нархро фуровардан 8. *что* сохтан; **~ ящик для посылки** барои посылка қутти сохтан 9. *кого-что разг.* ҷамъ (туб) кардан; **собаки сбили овец в кучу** сагҳо гусфандонро ба як ҷо туб карданд 10. *что* кафк кунондан, гуппӣ задан; кашидан, кофта-кофта ғафстар (қуюқтар) кардан; **~ пену** кафк кунондан; **~ масло** маска ҷудо кардан ◇ **~ с толку кого-л.** 1) *(запутать)* майнаи касеро гиҷ кардан, касеро гаранг кардан; 2) *(толкнуть на что-л. плохое)* касеро аз роҳ баровардан, касеро гумроҳ (бероҳа) кардан; **~ с пути** *то же, что* **~ с толку** 2)

сбиться *сов.* 1. яклаба (яктарафа, каҷ) шудан; **галстук сбился на сторону** галстук каҷ шудааст 2. *прост.* кунд (фит, суда, хурда) шудан; **каблуки сбились** пошна фит шуд 3. роҳро гум кардан; **он сбился с дороги** вай роҳро гум кард 4. *перен.* саросема (телба, гум) кардан; **~ со счёта** ҳисобро гум кардан; **ученик сбился и замолчал** талаба саросема шуду хомуш гашт 5. *разг.* туб (ҷамъ, туда, ғун) шудан; **от испуга овцы сбились в кучу** гусфандон рамида дар як ҷо туб шуданд 6. *разг.* аз кофтан қуюқ шудан ◇ **~ с ноги** халок шудан, аз по мондан; **~ с ноги** баробар қадам назадан, қадамҳоро гум кардан; **~ с панталыку** аз роҳ баромадан, гумроҳ шудан, бероҳа шудан; **~ с пути, ~ с толку** *то же, что* **~ с панталыку**; **~ с такта** аз усул баромадан

сближать *несов. см.* **сблизить**

сближаться *несов.* 1. *см.* **сблизиться**; 2. *страд.* наздик карда шудан

сближение *с* 1. *(по знач. гл.* **сблизить**) наздик кардан(и); муқоиса кардан(и); *(по знач. гл.* **сблизиться**) наздик

шудан(и); такоруб; муқоиса шудан(и); ~ **классов в социалистическом обществе** ба ҳам наздикшавии синфҳо дар ҷамъияти социалистӣ; ~ **социалистических наций** ба ҳам наздикшавии миллатҳои социалистӣ 2. наздикӣ, шабоҳат

сблизить *сов. кого-что* 1. наздик кардан, ба ҳам наздик кардан; ~ **концы верёвки** нугҳои арғамчинро ба ҳам наздик кардан; ~ **науку с производством** илмро ба истеҳсолот наздик кардан 2. *перен.* муқоиса кардан; ~ **понятия** мафҳумҳоро муқоиса кардан 3. *перен.* ба ҳам наздик кардан; **работа нас сблизила** кор моро ба ҳам наздик кардааст

сблизи||ться *сов.* 1. наздик шудан, (омадан), ба ҳам наздик шудан, такоруб кардан; **борцы ~лись** гуштингирон ба ҳам наздик шуданд 2. *перен.* (*стать похожим*) монанд (шабеҳ) шудан 3. *перен.* (*сдружиться*) наздикӣ пайдо кардан, дӯст шудан

сблокировать *сов. что разг.* блок кардан, муттаҳид кардан

сблокироваться *сов. разг.* блок сохтан, ягона шудан

сбой *м* 1. (*по знач. гл.* **сбить** 1) зада афтондан(и), зада баровардан(и) 2. вайронӣ, нуқсон, ист; ~ **в работе мотора** вайронӣ дар кори мотор // *спорт.* аспдавонӣ, резаҷорпо аспдавонӣ 3. (*часть туши*) каллапоча

сбоку *нареч.* аз паҳлу, аз канор, аз ҷет; ~ **виднее** аз канор намоёнтар аст ◇ ~ **припёка (припёку)** *прост.* зиёдатӣ

сболтать *сов. что прост.* 1. каллоқ задан, ҷунбонда омехтан 2. *с чем* каллоқ зада омехтан

сболтнуть *сов. что и без доп. разг.* пукидан, луппӣ карда гуфтан, похост гуфта мондан; ~ **лишнее** луппӣ карда чизҳои зиёдатӣ гуфтан

сбор *м* 1. (*по знач. гл.* **собрать**) ҷамъкунӣ, ғунучинӣ, ғундорӣ; ~ **фруктов** ғунучинии мева, мевачинӣ; ~ **членских взносов** ҷамъкунии ҳаққи аъзогӣ; ~ **металлолома** ғундоштани оҳанпора 2. боҷ, пули (маблағи) ҷамъ кардашуда; **гербовый** ~ гербпулӣ; **гарнцевый** ~ ҳаққи осиё; **таможенный** ~ боҷи гумрук; **уплатить ~ы** боҷро пардохтан 3. (*по знач. гл.* **собраться** 1) ҷамъшавӣ, ҷамъомад; ~ **в восемь часов утра** ҷамъшавӣ дар соати ҳашти пагоҳӣ 4. *воен.* ҷамъомад; **лагерный** ~ ҷамъомади лагерь; **трубить** ~ шайпури ҷамъомад навохтан 5. *мн.* **сборы** тадорукот, тараддуд; **~ы в дорогу** тадорукоти сафар ◇ **в ~е** ҳозир, ҷамъшуда

сборище *с* 1. *пренебр.* издиҳом, тӯдаи мардум; **шумное** ~ издиҳоми пурғавғо 2. базми хоса

сборк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **собрать** 6) васл кардан(и), пайванд кардан(и); **~а станка** васл кардани дастгоҳ 2. *чаще мн.* **сборки** чин, чинҳо; **~и на юбке** чин-чини юбка; **платье в ~у** куртаи чиндор

сборник *м* маҷмӯа; ~ **рассказов** маҷмӯаи ҳикояҳо

сборн||ый, -ая, -ое 1. ҳар хел, гуногун, аралаш, омехта; **~ая программа** программаи гуногун; **~ая команда** *спорт.* командаи яккачин // *в знач. сущ.* **сборная** *ж то же, что* **~ая команда** 2. васлия, пайвандшаванда, аз қисмҳои ҷудогона таркибёфта; **~ый дом** хонаи васлшаванда 3. ...и ҷамъомад, ...и ҷамъшавӣ; **~ый пункт** маҳалли ҷамъшавӣ ◇ **~ая изба** *ист.* хонаи ҷамъомад; **~ый лист** *полигр.* ҷузъи аввали китоб

сборочный, -ая, -ое ...и васлкунӣ, ...и пайвандкунӣ; ~ **цех** цехи васлкунӣ

сборчатый, -ая, -ое чиндор, чин-чин; ~ **сарафан** куртаи чиндор

сборщик *м* 1. ҷамъкунанда, ғундоранда, чинанда, чинакчӣ; ~ **хлопка** ғундорандаи пахта, пахтачин 2. васлгар, пайвасткунанда; ~ **автомобилей** васлгари [қисмҳои алоҳидаи] автомобиль

сборщица *женск. к* **сборщик**

сбрасывание *с* 1. (*по знач. гл.* **сбросить**) партоиш, партофта фуровардан(и); кашидан(и); кам кардан(и); ~ **веса** кам кардани вазн

сбрасывать *несов. см.* **сбросить**

сбрасываться *несов.* 1. *см.* **сброситься**; 2. *страд.* партофта шудан, андохта шудан

сбривать *несов. см.* **сбрить**

сбрить *сов. что* тарошидан, бо поку гирифтан; ~ **усы** бурутро тарошидан

сброд *м собир. пренебр.* авбошон; **всякий** ~ ҳар хел зотҳо (авбошон)

сброс *м* 1. (*по знач. гл.* **сбросить** 1, 3) партофтан(и); кам (паст) кардан(и); ~ **снега с крыши** аз бом партофтани барф 2. *гидротех.* обпарто 3. *геол.* ярҷканд (*беҷошавии табақаи замин уфуқан ё амудан*)

сбросить *сов.* 1. *кого-что* партофтан, аз боло партофтан; ~ **груз на землю** борро ба замин партофтан; **конь сбросил всадника** асп савораро партофт 2. *что разг.* кашидан; ~ **одежду** либосро кашидан (мондан) // партофтан, резондан, рехтан; ~ **листья** барг резондан; ~ **кожу** пуст партофтан // *перен.* дур кардан, бас кардан; ~ **лень** танбалиро бас кардан 3. *что разг.* кам (паст) кардан; ~ **вес** вазнро кам кардан; ~ **давление** фишорро паст кардан; ~ **цену** нархро кам кардан 4. *кого-что перен.* сарнагун кардан, барҳам додан; ~ **власть буржуазии** ҳокимияти буржуазияро барҳам додан 5. *что карт.* партофтан; ~ **десятку** даҳҳолро партофтан 6. (*снять на счётах*) аз чут баровардан 7. *гидротех.* об партофтан; ~ **воду** об партофтан ◇ ~ [**с себя**] **маску** ниқоб аз руи худ бардоштан; ~ **с плеч** *кого-что* аз гардан соқит кардан; ~ **со счетов (со счёта)** *кого-что* сарфи назар кардан, аз эътибор соқит кардан

сброситься *сов.* худро ҳаво додан, худро партофтан; ~ **с моста** худро аз кӯпрук партофтан

сброшюровать *сов. что полигр.* ҷузъбандӣ кардан; ~ **книгу** китобро ҷузъбандӣ кардан

сбруя *ж* 1. афзоли асп, ҷиҳози асп; **верховая** ~ афзоли аспи саворӣ; **упряжная** ~ афзоли аспи боркашӣ

сбрызгивать *несов. см.* **сбрызнуть**

сбрызнуть *сов. что разг.* пошидан, пуф кардан, пуф карда пошидан; ~ **бельё** либосро об пошидан

сбывать *несов. см.* **сбыть**

сбываться *несов.* 1. *см.* **сбыться**; 2. *страд.* фурӯхта шудан

сбыт *м эк.* 1. фурӯш, фурӯхт; ~ **товаров** фурӯши молҳо; **рынок ~а** бозори фурӯш; **иметь** ~ ба фурӯш рафтан, бозоргир будан, серхаридор будан 2. (*незаконная продажа*) об кардани мол

сбытов||ой, -ая, -ое *эк.* ...и фурӯш, ...и фурӯхт; **~ые организации** ташкилотҳои фурӯш

сбыточн||ый, -ая, -ое: **~ое ли это дело?** *прост.* оё ин чиз (кор) мумкин аст?

сбыть *сов.* 1. *что эк.* фурӯхтан; ~ **пряжу** ресмонро фурӯхтан 2. *кого-что* халос шудан, аз сари худ дур кардан; ~ **ненужные книги** аз китобҳои нодаркор халос шудан 3. кам (паст) шудан; **вода в речке сбыла** оби дарёча кам шуд ◇ ~ **с рук** *кого-что* 1) фурӯхта халос шудан 2) халос шудан

сбыться *сов.* ба амал омадан, рост баромадан, амалӣ (иҷро, муҳайё) шудан; **наши мечты сбылись** мо ба орзуҳоямон расидем

свадебн||ый, -ая, -ое ...и тӯй, арусӣ; **~ые обряды** маросими тӯй; **~ая песня** нақши арусбарӣ, ёр-ёр; **~ый поезд** *уст.* аробаи тӯй, аробаи келинбарӣ

свадьб||а *ж* тӯй, тӯи арусӣ; **день ~ы** рӯзи тӯи арусӣ ◇ **золотая ~а** панҷоҳсолагии тӯи никоҳ; **серебряная ~а** биступанҷсолагии тӯи никоҳ; **до ~ы заживёт** дуруст шуда меравад; **как на маланьину ~у наварить (напечь** *и т. п.*) *прост. шутл.* бисьёр, аз ҳад зиёд, ниҳоят бисьёр пухтан (*пазондан ва ғ.*)

свайн||ый, -ая, -ое 1. ...и поя, ...и сутун, ...и мех; **~ый молот** болғаи сутункӯб 2. сутундор, поядор, ...и болои сутун; **~ые постройки** *этн., археол.* биноҳои сутунпоя

сваливать *несов. см.* **свалить**

сваливаться I *несов.* 1. *см.* **свалиться**; 2. *страд.* ғалтонда (партофта) шудан

сваливаться II *несов. см.* **сваляться**

свалить *сов.* 1. *кого-что* ғалтондан, партофтан, афтондан, фуровардан; ~ **камень в яму** сангро ба чуқурӣ ғалтондан; ~ **медведя** хирсро куштан; ~ **дерево** дарахтро фуровардан 2. *кого* ғалаба кардан, хобондан; **сон свалил его** хоб бар вай ғалаба кард; **болезнь свалила его** беморӣ уро бистарӣ кард 3. *что (в одно место)* партофта тӯда (ғун) кардан; ~ **дрова в сарай** ҳезумро ба анбор партофта тӯда кардан; ~ **в одну кучу** *что* 1) тӯда кардан, партофта тӯда кардан 2) *перен.* аралаш кардан, омехтан; 4. *что на кого-что перен. разг.* партофтан, бор кардан

~ **вину́ на кого́-л.** гуноҳро ба касе бор кардан; ~ **отве́тственность на кого́-л.** масъулиятро ба гардани касе бор кардан // *перен.* дур кардан, аз гардани худ партофтан; ~ **с себя забо́ты** аз алам халос шудан 5. *кого-что перен. разг.* сарнагун кардан, барҳам додан; ~ **самодержа́вие** мутлақиятро сарнагун кардан ◇ ~ **с больно́й головы на здоро́вую** айби худро ба гардани касе бор кардан; алами Исоро аз Мусо гирифтан; ~ **с ног** *кого* 1) аз по ғалтондан 2) беҳуш (гаранг) кардан; ~ **с плеч** аз гардан соқит кардан

свали́||ться *сов.* 1. ғалтидан, афтодан; ~**ться с ле́стницы** аз нардбон афтодан; **де́рево** ~**лось от ве́тра** дарахт аз (шиддати) шамол ғалтид 2. *перен. разг.* касал (бемор) шудан, бемор шуда хобидан; ~**ться в гри́ппе** грипп шуда хобидан 3. банохост пайдо шудан; ~**лся как снег на́ голову** мисли тароша аз бом афтид 4. *на кого-что перен. разг.* ба сар афтодан, гирифтор шудан; **на них** ~**лась беда́** онҳо ба бало гирифтор шудаанд ◇ **как (сло́вно) гора́ с плеч** ~**лась** гуё кӯҳе аз душ бардошта шуд; **как (бу́дто, сло́вно, то́чно) с не́ба** ~**лся** 1) баногоҳ пайдо шуд (воқеъ гардид); аз осмон афтидагӣ барин 2) намефаҳмад; худро ба нодонӣ мезанад

сва́лка *ж* 1. (*по знач. гл.* **свалить** 1, 3) ғалтондан(и), партофтан(и), фуровардан(и); ~ **тёса** фуровардани чӯбу тахта 2. (*место для мусора*) ахлотдон, ҷои ахлотрезӣ 3. *разг.* (*общая драка*) кашмакаш, занозанӣ, афтударафт, дастбагиребоншавӣ

сваля́ть *сов. что* 1. молидан; ~ **во́йлок** намадро молидан 2. *прост.* (*небрежно сделать*) чалачулпа кардан ◇ ~ **дурака́** аҳмақӣ (бемазагӣ) кардан, беақлона рафтор кардан

сваля́||ться *сов.* 1. молида шудан; **во́йлок хорошо́** ~**лся** намад нағз молида шудааст 2. *разг.* (*о шерсти и т. п.*) чигил шудан, намадак шудан; **у ло́шади** ~**лась гри́ва** ёли асп чигил шудааст

сван *м* сван; *см.* **сваны**

сванка *ж* сванзан, свандухтар; *см.* **сваны**

сванский, -ая, -ое сванӣ, ...и сван; ~ **язы́к** забони сванӣ

сва́ны *мн.* сванҳо (*халқи ба гурҷиҳо хеш, ки дар қисмати ғарбии кӯҳистони Гурҷистон муқиманд*)

сва́ра *ж* ҷанҷол, низоъ, ҷанг

сваривание *с* (*по знач. гл.* **сварить** 2) кафшер кардан(и); ~ **труб** кафшер кардани қубурҳо

сваривать *несов. см.* **свари́ть** 2

свариваться *несов.* 1. *см.* **свариться** 2; 2. *страд.* кафшер карда шудан

свари́ть *сов.* 1. *что, чего* пухтан, ҷӯшондан; ~ **суп** шӯрбо пухтан 2. *что тех.* кафшер кардан; ~ **концы́ прово́локи** нугҳои симро кафшер кардан ◇ **с ним ка́ши (пи́ва) не сва́ришь** бо вай корро пазондан мушкил, у одами якрав аст

свари́ться *сов.* 1. пухта (ҷӯшонда) шудан 2. *тех.* кафшер шудан

сварка *ж тех.* кафшер; **электрическая** ~ кафшери электрикӣ; **ацетиле́новая** ~ кафшери ацетиленӣ; **газовая** ~ кафшери газӣ

сварли́вость *ж* шаттоҳӣ, ҷанҷолчигӣ, ҷангарагӣ; ~ **характера** ҷангарагӣ, шаттоҳӣ

сварли́вый, -ая, -ое (сварлив, -а, -о) шаттоҳ, ҷанҷолӣ, ҷангара; ~ **челове́к** одами ҷангара

сварно́й, -а́я, -о́е *тех.* кафшершаванда; ~ **шов** дарзи кафшершаванда

сварочный, -ая, -ое *тех.* кафшерӣ; ~ **инструме́нт** афзори кафшерӣ

сва́рщик *м тех.* кафшергар

сварщица *женск. к* **сварщик**

сва́стика *ж* свастика (*нишонаи чорчилликмонанди нугҳояш хамида — тамғаи фашистон*)

сват *м* 1. *уст.* завҷӣ, хостгор, миёнарав 2. *разг.* қудо ◇ **ни** ~ **ни брат** *кому прост.* на хешу на дарвеш

сватанье *с прост. см.* **сватовство**

сва́тать *несов.* 1. *кого уст.* хостгорӣ (миёнаравӣ) кардан 2. *кого, кого у кого уст.* ба никоҳ розигӣ пурсидан 3. *кого-что перен. разг. шутл.* таклиф кардан

свататься *несов. к кому, за кого уст.* хостгорӣ кардан, ба занӣ хостан, талабгор (хостгор) шудан

сватовство *с* 1. (*по знач. гл.* **сватать** *и* **сва́таться**) хостгорӣ, миёнаравӣ; хостгоршавӣ, талабгоршавӣ

сватья *ж прост.* қудозан

сваха *женск. к* **сват** 1

свая *ж* поя, сутун, мех; **мост на** ~**х** купруки поядор

све́дени||е *с* 1. *чаще мн.* **све́дения** хабар, маълумот, огоҳӣ, ахборот; **получи́ть ва́жные** ~**я** ахбороти муҳим гирифтан 2. *мн.* **све́дения** шиносоӣ, маълумот, дониш; ~**я из области физики** маълумот аз соҳаи физика 3. огоҳӣ, маълумот; **приня́ть к** ~**ю** ба маълумот гирифтан; **довести́ до** ~**я кого́-л.** ба маълумоти касе расондан ◇ **к ва́шему** ~**ю** *в знач. вводн. сл.* ба маълумоти шумо мерасонам

сведе́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **свести** 1, 2, 5—12) бурдан(и); расондан(и); равондан(и), нест кардан(и); ~ **пятен** равондани доғҳо 2. (*судорога, сжатие мышц*) рагкашӣ, кашидани рагҳо

све́дущий, -ая, -ее (сведущ, -а, -е) пурдон, доно, воқиф; ~ **учёный** олими пурдон

свежак *м* 1. *мор.* шамоли салқин 2. *собир. рыб. и обл.* моҳии тоза

свеже: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «навакак кардашуда»:* **свежевыбритый** нав тарошидашуда; **свежеиспечённый** нав пухташуда

свежевать *несов. кого-что* пуст кандан, қассобӣ кардан; ~ **бара́на** гӯсфандро қассобӣ кардан

свежевыбритый, -ая, -ое (свежевы́брит, -а, -о) нав тарошидашуда

свежезаморо́женный, -ая, -ое нав яххунондашуда, нав ях бандондашуда

свежеиспечённый, -ая, -ое 1. нав пухташуда; ~ **хлеб** нони нав пухташуда 2. *перен. разг. шутл.* навкор, навдам, навбаромад; ~ **врач** духтури навкор

свежемороженый, -ая, -ое *см.* **свежезаморо́женный**

свéжест||ь *ж* 1. тозагӣ, тару тозагӣ, тароват; ~**ь лица** тару тозагии рухсор, тароватӣ руй; ~**ь чувств** покизагии хиссиёт; ~**ь впечатлений** тозагии таассурот 2. салқинӣ, хунукӣ, сардӣ, ҳавои салқин; **из сада пове́яло** ~**ью** аз боғ насими форам расид ◇ **не пе́рвой** ~**и** тару тоза не; кӯҳна, кӯҳнашуда

свеже́||ть *несов.* салқин (хунук, сард) шудан: **пого́да** ~**ет** ҳаво салқин шуда истодааст

свéж||ий, -ая, -ее (свеж, -а, -о́) 1. нав, тоза, тар, тару тоза, ботароват, тароватнок; ~**ие проду́кты** озуқаҳои тоза; ~**ее се́но** бедаи тозадарав; ~**ая ры́ба** моҳии тоза; ~**ие огурцы** бодиринги барра 2. нав, тоза; ~**ее варе́нье** мураббои нав; ~**ий чай** чои тоза 3. тоза; ~**ий во́здух** ҳавои тоза 4. салқин, хунук, сард; **ночь была** ~**ая** шаб салқин буд; ~**ий ве́тер** шамоли салқин (тунд) 5. *тк. полн. ф.* нав, тоза; ~**ий снег** барфи тоза; ~**ие следы** асарҳои нав; ~**ая газе́та** газетаи нав (имруза); ~**ие новости** хабарҳои (навигариҳои) тоза; ~**ая мысль** фикри бикр 6. *тк полн. ф. разг.* нав, тоза; ~**ее бельё** либоси тоза, либоси нав 7. *перен* банур; ~**ая зе́лень** қабудии тару тоза, ~**ий румянец** сурхии банури рухсор 8. *перен.* нав, тоза; ~**ие силы** қувваи тоза; ~**ий вид** намуди бардамона ◇ **на** ~**ую го́лову** бо майнаи тоза; **по** ~**им следа́м** дар гармогармӣ, фавран, дарҳол; **вы́вести кого́-л. на** ~**ую во́ду** миси касеро баровардан

свежо́ 1. *нареч.* салқин, хунук; ~ **в памяти** ҳануз дар ёд меистад 2. *в знач сказ. безл.* салқин (хунук) аст; **на у́лице** ~ берун салқин аст, ҳавои кӯча хунук аст

свезти *сов. кого-что* 1. бурдан, гирифта (кашонда) бурдан, кашонда фуровардан; ~ **хлеб с поле́й** ғалларо аз дашт кашонда бурдан 2. аз баландӣ ба поин фуровардан; ~ **воз с горы** аробаро аз баландӣ фуровардан 3. *разг.* ғун кардан, ба як ҷо овардан 4. (*свозить*) гирифта бурдан; кашонда; бор карда бурдан

свёкла *ж* лаблабу

свекловица *ж* лаблабуи қанд

свеклови́чн||ый, -ая, -ое 1. ...и лаблабу, ...и лаблабуи қанд; ~**ый са́хар** қанди лаблабу; ~**ое поле** майдони лаблабу 2. лаблабукор, ...и лаблабукорӣ; ~**ый совхо́з** совхози лаблабукор

свекловод *м* лаблабукор

свеклово́дство *с* лаблабукорӣ

свеклово́дческий, -ая, -ое лаблабукор, ...и лаблабукорӣ

свеклокомбайн *м* комбайни лаблабучин

свеклокопатель *м* мошини лаблабуканак

свеклоса́харный, -ая, -ое ...и лаблабуи қанд

свеклосовхо́з *м* совхози лаблабукор
свеклоубо́рочный, -ая, -ое лаблабуғундор, ...и лаблабуғундорӣ
свеко́льник *м* 1. баргу нояи лаблабу 2. лаблабушурбо
свеко́льный, -ая, -ое 1. ...и лаблабу, лаблабугин; ~ **лист** барги лаблабу 2. нофармон; ~ **цвет** ранги нофармон
свёкор *м* хусур, падаршуй
свекровь *ж* модаршуй, хушдоман
сверб||е́ть *несов. прост.* хоридан; **ра́на** ~**и́т** ҷароҳат мехорад
сверга́ть *несов. см.* **свéргнуть**
сверга́ться *несов.* 1. *см.* **свéргнуться**; 2. *страд.* сарнагун карда шудан
свéргнуть *сов. кого-что* 1. *уст.* партофтан, афтондан 2. *перен.* сарнагун кардан; ~ **царя** подшоҳро сарнагун кардан
свéргнуться *сов. уст. (упасть с высоты)* афтодан, ғалтидан, фуру афтодан
сверже́ние *с* (*по знач. гл.* **свéргнуть** 2) сарнагун кардан(и); ~ **самодержа́вия** сарнагун кардани мутлақият
свéрить *сов. что* муқоиса кардан, тафтиш (татбиқ, таққос) кардан; ~ **ко́пию с оригиналом** нусхаро бо аслаш муқоиса кардан; ~ **часы́** соатро тафтиш кардан
свéриться *сов. с чем и без доп. разг.* муқоиса кардан; **на́до** ~ **с календарём** бо тақвим муқоиса кардан лозим аст
свéрка *ж* 1. (*по знач. гл.* **свéрить** *и* **свéриться**) муқоиса кардан(и), тафтиш (татбиқ) кардан(и) 2. *полигр.* тасҳеҳ, муқоиса, татбиқ
сверка́ние *с* дурахшидан(и), ҷилодиҳӣ, ялаққосзанӣ, дурахшонӣ, ялаққос, сайқал; ~ **мо́лний** дурахшидани барқ; ~ **огне́й** чароғон
сверка||ть *несов. чем и без доп.* 1. дурахшидан, ҷило додан, ҷилва кардан, ялаққос (барқ) задан; **мо́лния** ~**ет** барқ медурахшад; 2. *перен.* ҷилвагар будан, барқ задан; **её глаза́** ~**ли** чашмони вай барқ мезаданд ◇ **то́лько пя́тки** ~**ют** *у кого* шамол барин мепаррад
сверкающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* дурахшида, ялаққос зада 2. *прил.* дурахшон; ~**ие звёзды** ситораҳои дурахшон 3. *прил. перен.* аъло, тобон; ~**ая красота** ҳусни аъло
сверкну́ть *сов.* 1. *однокр. к* **сверка́ть**; 2. *перен.* якбора ба хотир омадан, нохост ба хаёл расидан
сверле́ние *с* (*по знач. гл.* **сверли́ть**) пармакунӣ, сурохкунӣ, шикофкунӣ
сверли́льный, -ая, -ое *тех.* ...и пармакунӣ, ...и сурохкунӣ, ...и шикофкунӣ; ~ **стано́к** дастгоҳи пармакунӣ
сверли́||ть *несов.* 1. *что* парма (сурох, шикоф) кардан; ~**ть железо** оҳанро парма кардан 2. *кого-что и безл. без доп. перен.* азоб додан, афгор кардан; **боль** ~**т мне ду́шу** дарду алам диламро афгор мекунад; **в у́хе** ~**т** дарди гуш азоб медиҳад 3. *кого-что перен.* ба ҳаяҷон овардан, ба изтироб андохтан, безобита (хавотир) кардан 4. *кого-что перен. (зорко всматриваться)* чашм духтан
сверли́ться *несов. страд.* парма (сурох) карда шудан
сверло́ *с* парма; **спира́льное** ~ пармаи морпеч (печдор)
сверло́вка *ж* (*по знач. гл.* **сверли́ть** 1) *тех.* пармакунӣ, сурохкунӣ, шикофкунӣ
сверло́вщик *м* пармачи, пармакор
сверлящ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* пармакунанда, сӯрохкунанда; 2. *прил. (о боли)* сахт, сузон; ~**ая боль в коле́не** дарди сузони зону // *(о звуке)* гушхарош; ~**ий звук** овози гушхарош
сверну́ть *сов.* 1. *что* печондан, лула кардан; ~ **бумагу** коғазро лула кардан; ~ **одея́ло** кӯрпаро печондан 2. *что (закрыть лепестки)* бастан, маҳкам кардан 3. *что разг.* тофтан, тофта тайёр кардан (сохтан); ~ **фити́ль из ва́ты** пахтаро тофта пилта тайёр кардан 4. *что перен.* маҳдуд кардан; ~ **фронт** фронтро маҳдуд кардан 5. *что перен.* кам кардан, ихтисор (маҳдуд) кардан; бас кардан; ~ **шта́ты** штатҳоро кам кардан; ~ **рабо́ты** корҳоро бас кардан 6. гаштан, тоб хурдан; ~ **напра́во** ба тарафи рост гардидан // *кого-что* гардондан; ~ **маши́ну с доро́ги** мошинро аз роҳ гардондан 7. *перен. разг.* гузаштан, дигар кардан; ~ **разгово́р на другу́ю тéму** ба мавзӯи дигар гузаштан 8. *что* каҷ (вайрон, хароб) кардан; ~ **резьбу́ га́йки** печи гайкаро вайрон кардан ◇ ~ **го́лову (шéю) кому́-л.** *прост.* сари касеро хурдан; ~ [**себé**] **го́лову (шéю)** *прост.* сари худро хурдан
сверну́||ться *сов.* 1. печидан, лӯла шудан; **бума́га** ~**лась** коғаз печида шуд 2. баста шудан, маҳкам шудан; пажмурда шудан; **лепестки́ ро́зы** ~**лись** баргҳои гул пажмурда шуданд 3. *чаще со словами «в клубок», «в комок»* тоб хурдан, кулча задан, кулча зада хобидан; **ко́шка** ~**лась в клубо́к** гурба кулча зада хобидааст 4. *(о жидкости)* лахт шудан, бастан; **молоко́** ~**лось** руи шир баста шуд, шир бурид 5. *перен.* ҷафс шудан; **фронт** ~**лся** фронт маҳдуд шуд 6. *перен.* кам шудан, ихтисор (маҳдуд) шудан; барҳам хурдан; **строи́тельные рабо́ты** ~**лись** корҳои бинокорӣ катъ шуданд 7. каҷ (вайрон, беҷо) шудан; **резьба́ винта** ~**лась** печи винт каҷ шуд
сверста́ть *сов. что полигр.* саҳифа бастан, саҳифабандӣ кардан; ~ **набо́р** наборро саҳифабандӣ кардан
свéрстник *м* ҳамсол, ҳамсола, ҳамсиннусол
свéрстница *женск. к* **свéрстник**
свёрстывать *несов. см.* **сверстать**
свёрстываться *несов. страд.* саҳифабандӣ карда шудан
свертéть *сов. разг. см.* **сверну́ть** 1—3, 8
свёрток *м* бӯғча, тугунча
свёртываемость *ж* лахташавандагӣ; ~ **кро́ви** лахташавандагии хун
свёртывание *с* (*по знач. гл.* **сверну́ть**) печондан(и), лӯла кардан(и); тоб додан(и); кам кардан(и), ихтисор (маҳдуд) кардан(и); (*по знач. гл.* **сверну́ться**) лула шудан(и); бастан(и), лахт шудан(и); кам шудан(и), ихтисор (маҳдуд) шудан(и); ~ **кро́ви** лахт шудани хун; ~ **работ** бас кардани корҳо
свёртывать *несов. см.* **сверну́ть**
свёртываться *несов.* 1. *см.* **сверну́ться**; 2. *страд.* печонда шудан; тофта шудан; ихтисор карда шудан
сверх *предлог с род.* 1. *(поверх чего-л.)* аз болои..., аз руи... 2. *(более нормы, меры)* берун аз..., зиёда аз..., аз... берун, аз... зиёд; **вы́пустить** ~ **пла́на** аз план берун баровардан; ~ **мéры** аз андоза берун; ~ **сме́ты израсхо́довано де́сять ты́сяч рубле́й** аз смета берун даҳ ҳазор сум харҷ карда шудааст 3. *(кроме, помимо)* ғайр аз, илова бар, ба замми; ~ **всего́, он знающий челове́к** ғайр аз он вай одами доност 4. *(вопреки чему-л.)* бар хилофи..., катъи назар аз...; ~ **ожида́ния** бар хилофи чашмдошт
сверх- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо маъниҳои зерин меояд:* 1) *берун аз андоза, берун аз ҳудуд* — **сверхшта́тный** берун аз штат, аз штат берун 2) *аз ҳад зиёд, баландтарин дараҷаи чизе* — **сверхпри́быль** фоидаи фавқулодда; **сверхчувстви́тельный** фавқулҳассос, аз ҳад зиёд ҳассос
сверхвысо́к||ий, -ая, -ое фавқулбаланд; ~**ое напряже́ние** шиддати фавқулбаланд; ~**ие температу́ры** ҳарорати фавқулбаланд; ~**ие часто́ты** басомади фавқулбаланд
сверхвысококáчественн||ый, -ая, -ое фавқулолисифат; ~**ая аппарату́ра** асбобҳои фавқулолисифат
сверхглубо́к||ий, -ая, -ое фавқулумқ; ~**ая сква́жина** пармачоҳи фавқулумқ
сверхда́льний, -яя, -ее фавқулодда дур
сверхзвуков||о́й, -а́я, -о́е *физ.* фавқуссадо; ~**а́я ско́рость** суръати фавқуссадо
сверхмо́щности *мн.* заводҳои (корхонаҳои) фавқулиқтидор
сверхмо́щный, -ая, -ое *тех.* фавқулриқтидор; ~ **дви́гатель** муҳаррики фавқулиқтидор
сверхпланов||ый, -ая, -ое зиёда аз план; ~**ая проду́кция** маҳсулоти зиёда аз план
сверхпри́быль *ж эк.* фоидаи фавқулодда
сверхпроводи́мость *ж* фавқунноқилият
сверхпроводни́к *м* фавқунноқил
сверхскоростно́й, -а́я, -о́е фавқуссуръат
сверхсмéтн||ый, -ая, -ое *эк.* аз смета берун; ~**ые расхо́ды** хароҷоти аз смета берун
сверхсро́чник *м* аскари зиёдамуҳлат *(хизматчии ҳарбие, ки баъд аз тамом шудани муҳлати уҳдадории ҳарбӣ боз бо ихтиёри худаш дар хизмати ҳарбӣ мемонад)*
сверхсро́чн||ый, -ая, -ое 1. зиёда аз мӯҳлат, аз муҳлат зиёда; ~**ая слу́жба**

хизмати зиёда аз муҳлат 2. *(экстренный)* ниҳоят таъҷилӣ

сверхсто́йкий, -ая, -ое фавқулмазбут

сверхтвёрдый, -ая, -ое фавқуссахт

свéрху 1. *нареч. (на поверхности)* аз боло, аз руй; ~ **лежа́т кни́ги** аз боло китобҳо хобидаанд; **я́блоко ~ подгни́ло** себ аз боло андак пусидааст 2. *нареч. (с высоты)* аз боло; **смотре́ть ~** аз боло нигоҳ (тамошо) кардан 3. *нареч. перен. разг.* аз боло; **директи́вы ~** директиваҳо аз боло 4. *предлог с род. (выше чего-л., над чем-л.)* аз болои...; ~ **окна́** аз болои тиреза ◇ ~ **до́низу** 1) *(насквозь)* аз боло то поён, сар то по, тамоман 2) *(повсеместно)* дар ҳама ҷо; **смотре́ть ~ вниз на кого́-л.** ба касе мағрурона нигоҳ (муомила) кардан

сверхуро́чн||ый, -ая, -ое 1. зиёда аз вақти муқаррарӣ; **~ая рабо́та** кори зиёда аз вақти муқаррарӣ 2. *в знач. сущ.* **сверхуро́чные** *мн.* музди кори зиёда аз вақти муқаррарӣ; **получи́ть ~ые** музди кори зиёда аз вақти муқарраририро гирифтан

сверхчелове́ческ||ий, -ая, -ое тоқатгудоз, тоқатшикан; **~ое напряже́ние** зури тоқатгудоз; **~не му́ки** азоби тоқатшикан

сверхчи́ст||ый, -ая, -ое фавқуттоза; **~ые вещества́** моддаи фавқуттоза; **~ый мета́лл** металли фавқуттоза

сверхчу́вственный, -ая, -ое *филос.* фавқулэҳсосӣ

сверхчувстви́тельный, -ая, -ое фавқулҳассос

сверхчу́тк||ий, -ая, -ое фавқулҳассос; **~ая анте́нна** антеннаи фавқулҳассос; **~ий прибо́р** асбоби фавқулҳассос

сверхшта́тн||ый, -ая, -ое зиёда аз штат, аз штат берун; **~ая до́лжность** вазифаи зиёда аз штат

сверхъесте́ственн||ый, -ая, -ое (сверхъесте́ствен, -на, -но) 1. фавқуттабиа, берун аз табиат; **~ые си́лы** қувваҳои фавқуттабиа 2. *разг.* фавқулодда, хориқулодда; **~ая быстрота́** суръати фавқулодда

сверчо́к *м зоол.* чирчирак, бузак, суск; **всяк ~ знай свой шесто́к** *посл.* чакаси мурғон дар катак

сверша́ть *несов. см.* **сверши́ть**

сверша́ться *несов.* 1. *см.* **сверши́ться;** 2. *страд.* ба вуҷуд оварда шудан

сверши́ть *сов. книжн. см.* **соверши́ть**

сверши́||ться *сов. книжн. см.* **соверши́ться** ◇ **~лось!** шуд!, тамом!

свéрщик *м* муқоисакунанда, татбиккунанда, таққоскунанда

свéрщица *женск. к* **свéрщик**

сверя́ть *несов. см.* **свéрить**

сверя́ться *несов.* 1. *см.* **свéриться;** 2. *страд.* муқоиса карда шудан

свéсить I *сов. что* овезон кардан; ~ **лéстницу из окна́** нардбонро аз тиреза овезон кардан

свéсить II *сов. кого-что разг.* баркашидан, дар тарозу баркашидан; ~ **муку́** ордро баркашидан

свéси||ться *сов.* овезон шудан, хам шудан; **~ться чéрез подоко́нник** аз пештахтаи тиреза хам шудан; **вéтви ~лись до земли́** шохаҳо то замин хам шуданд

свести́ *сов.* 1. *кого* фуровардан, гирифта фуровардан 2. *кого-что* бурдан, бурда мондан, четтар бурда мондан; ~ **ло́шадь с доро́ги** аспро ба лаби роҳ бурда мондан 3. *кого-что разг. (в одно место)* бурдан, гирифта бурдан, бурда мондан 4. *кого-что* бурдан, бурда расондан, гирифта бурдан; ~ **кого́-л. в теа́тр** касеро ба театр бурдан 5. *кого с кем (помочь встретиться)* во хӯрондан, дучор кунондан, ру ба ру кардан 6. *что с кем-чем разг.* пайдо кардан; ~ **дру́жбу (знако́мство)** дустӣ (ошноӣ) пайдо кардан 7. *что* ҷафс кардан, ба ҳам расондан, ба ҳам пайванд кардан; ~ **до́ски по́ла** тахтаҳои фаршро ба ҳамдигар ҷафс кардан; ~ **бро́ви** абрӯ чин кардан 8. *что во что* як (якҷоя) кардан, муттаҳид кардан; ~ **отря́ды в полк** отрядҳоро як карда полк ташкил кардан 9. *что* ҷамъбаст кардан, муқоиса карда натиҷа баровардан 10. *что к чему, на что* мухтасар кардан, каср карда ба ҳадде расондан; ~ **к ми́нимуму** ба ҳадди ақал расондан 11. *что* нусха бардоштан (гузарондан), кӯчондан 12. *что* нест кардан, равондан, барҳам додан; ~ **борода́вку** озахро сузондан; ~ **пятно́** доғро нест кардан 13. *безл. что разг.* раг кашидан; **но́гу свело́ су́дорогой** раги по кашида шуд ◇ ~ **в моги́лу** *кого* ба лаби гур бурдан; ~ **к нулю́** *что* ба ҳеҷ баровардан; ~ **на нет** *что* нест (нобуд, маҳв) кардан; ~ **с пьедеста́ла (с высоты́ вели́чия) кого́-л.** касеро аз азамат ва бузургӣ фуровардан; ~ **счёты с ке́м-л.** аз касе интиқом гирифтан; ~ **с ума́** аз ақл бегона кардан

свести́сь *сов.* 1. *к чему, на что* расидан, анҷом ёфтан, тамом шудан; **расхо́ды свели́сь к ми́нимуму** хароҷот ба ҳадди ақал анҷом ёфт 2. *(о переводной картинке)* гузаронда (кучонда) шудан, акс карда шудан

свет I *м* 1. нур, шуоъ, зиё; **преломлéние ~а** шиканиши шуоъ; **ско́рость ~а** суръати шуоъ; ~ **свечи́** нури шамъ; ~ **со́лнца** нури офтоб 2. рӯшноӣ, равшанӣ; **дневно́й ~** равшании руз 3. чароғ; **зажéчь ~** чароғро даргирондан; **погаси́ть ~** чароғро куштан; ~ **пога́с** чароғ мурд 4. *разг. (рассвет)* субҳ, саҳар, баромадани офтоб 5. *иск.* рӯшноӣ; **контра́сты ~а и тéни** тазоди рӯшноӣ ва торикӣ 6. *перен. (сияние глаз, лица)* нур, нуронӣ будан(и) 7. *перен. со сл. «мой» фольк. обращ.* ҷонам, азизам ◇ ~ **и́стины** нури чашм; ~ **очéй мои́х** *поэт.* нури чашмам; **в ~е** *каком* ба таври ...; **в ~е** *чего* дар партави; **в два ~а** *уст.* ду катор тирезадор; **на ~** муқобили рӯшноӣ, ру ба руи рӯшноӣ; **на ~у́** дар рӯшноӣ; **чуть ~, чем ~, ни ~ ни заря́** бисёр барвақт, чашми руз накафида; **бро́сить ~** *на что* равшан кардан, фаҳмондан; **ви́деть (представля́ть) в ло́жном ~е** нодуруст дидан, бархато тасаввур кардан; **не взви́деть ~а** *от чего* бехуш шудан, азоб кашидан, дарди сахт доштан; **предста́вить в вы́годном свéте** тарафҳои мусбатро нишон додан; **проли́ть (бро́сить) ~** *на что* равшан кардан, фаҳмондан, маълум (ошкор, аён) кардан; **то́лько и ~а в око́шке** *у кого* ягона тасаллои дил, нури чашм

свет II *м* 1. дунё, олам, ҷаҳон; **стра́ны ~а** ҷиҳатҳои дунё; **ча́сти ~а** қитъаҳои олам; **путешéствие вокру́г ~а** саёҳати даври олам 2. *уст.* аҳли башар; **поки́нуть ~** аз мардум дур шудан, гӯшанишин шудан; **вы́сший ~** аъёну ашроф; **вы́везти в ~** *кого* бо аъёну ашроф ошно кардан; **выезжа́ть в ~** ба ҷамоаи аъёну ашроф рафтуой кардан ◇ **бéлый (бо́жий) ~** дунё, олам; **Но́вый Свет** *уст.* Олами Нав, Америка; **Ста́рый Свет** *уст.* Олами Қадим *(тамоми олам ба истисноӣ Америка)*; **тот ~** охират, он дунё; **бо́лее всего́ на ~е** аз ҳар чиз зиёдтар, аз ҳама чиз сахттар; **на край ~а** ба ақсои олам; **на краю́ ~а** дар ақсои олам; **не бли́жний ~** *прост.* пушти кӯҳи Қоф, бисёр дур; **нет на ~е** *кого* мурд, вафот кард; **вы́вести на ~ бо́жий** *что* ба рӯи об баровардан, ошкор (фош) кардан; **вы́йти в ~** чоп шудан, нашр гардидан; **вы́пустить в ~** нашр (чоп) кардан, баровардан; **каки́х (како́го) свет (мир) не производи́л** нестдарҷаҳон, гушношунида; **на ~ [бо́жий] не глядéл бы** дунё ба назарам наменамояд, дунё дар назарам торик аст; **на чём ~ стои́т руга́ть** дашноми қабеҳ додан; **отпра́вить на тот ~** *кого* ба он дунё (дорулбақо) фиристодан; **отпра́виться на тот ~** ба он дунё (дорулбақо) рафтан, аз олам гузаштан; **произвести́ на ~** *кого-что уст.* зоидан, офаридан, таваллуд кардан; **сжить со ~а** *кого* ба асфалуссофилин фиристодан; **яви́ться (появи́ться) на ~** 1) *(родиться)* таваллуд ёфтан, ба олам омадан 2) *(возникнуть)* ба вуҷуд омадан, пайдо шудан

света́||ть *несов. безл.* равшан шудан, субҳ дамидан; **~ет** субҳ медамад, субҳ дамида истодааст

светёлка *ж уст. см.* **светли́ца**

светéц *м уст. и обл.* 1. чароғпоя 2. чароғ

свéтик *м, ж фольк. обращ. чаще со сл. «мой» или именем собственным* азизакам, ҷонакам, нури чашмам, нури дидаам

свети́л||о *с* 1. *астр.* ҷирм, ҷирми осмонӣ; **небéсные ~а** ҷирмҳои осмонӣ 2. *перен.* ситора; **~о нау́ки** ситораи илм ◇ **~о дня, дневно́е ~о** *книжн.* офтоби равшан; **~о но́чи, ночно́е ~о** *книжн.* моҳтоб

свети́льник *м* 1. чароғ 2. чароғпоя ◇ ~ **ра́зума** равшанзамир

свети́льный, -ая, -ое ...и чароғ, рушноидиҳанда, ...и рушноӣ; ~ **газ** гази рушноидиҳанда

свети́льня *ж* 1. чароғ 2. *уст. и прост.* пилта 3. *обл.* чароғпоя

свети́мость *ж астр.* равшаноӣ

свети́ть *несов.* 1. рушноӣ додан, нур

афшондан (нфкандан). равшан кардан, тобидан; со́лнце све́тит офтоб метобад (тобон аст) 2. *кому-чему и без доп.* равшан кардан; ~ **кому́-л. фонарём** роҳи касеро бо фонус роҳ нишон додан 3. маъқул будан; ба назар-расидан, назарнамо будан; **э́то де́ло мне** не све́тит ин кор ба ман маъқул не

свети́||ться *несов.* 1. рӯшноӣ додан, нур (партав) афшондан, равшан кардан, дурахшидан; **далёкие звёзды ти́хо ~лись** ситораҳои дур милтос мезаданд 2. намоён будан, тобидан; **снег ~лся в луча́х луны́** дар шунаҳи моҳ барф тобон буд 3. *чем и без доп. перен.* дурахшидан; **её глаза́ ~лись сча́стьем** чашмони у аз хушбахтӣ медурахшиданд; **она́ вся свети́тся от ра́дости** вай аз шодӣ гулгул мешукуфт

светле́йший, -ая, -ее: ~ **князь** князи олимақом *(унвони олии князи дар Россияи подшоҳӣ)* // *в знач. сущ.* **светле́йший** *м то же, что* ~ **князь; светле́йшая** *ж* князьзани олимақом

светле́||ть *несов.* равшан шудан; **не́бо на восто́ке ~ет** дар тарафи шарқ осмон равшан мешавад // *безл.* субҳ дамидан; **~ло** субҳ медамид

светли́ть *несов. что* равшан(тар) кардан

светли́ца *ж уст. и обл.* хонаи равшану тоза

светло́ 1. *нареч.* равшан; хурсандона; **он** ~ **улыбну́лся** вай хурсандона табассум кард 2. *в знач. сказ. безл.* равшан аст; **здесь** ~ ин ҷо равшан аст

све́тло-, светло= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «ранги кушод, паст»:* **све́тло-зелёный** сабзи кушод; **светловоло́сый** малламӯй

светловоло́сый, -ая, -ое (светловоло́с, -а, -о) малламӯй

светлогла́зый, -ая, -ое (светлогла́з, -а, -о) кабудчашм

све́тло-зелёный, -ая, -ое сабзи кушод

све́тло-кашта́нов||ый, -ая, -ое қаҳвагии паст; зарди сафедтоб; **~ые по́чвы** хоки зарди сафедтоб

све́тло-кори́чнев||ый, -ая, -ое зарди ҷигариранг; **~ые по́чвы** хоки зарди ҷигариранг

светлоли́кий, -ая, -ое (светлоли́к, -а, -о) *книжн. см.* **светлоли́цый**

светлоли́цый, -ая, -ее (светлоли́ц, -а, -е) маҳлиқо

светлоо́кий, -ая, -ое (светлоо́к, -а, -о) *книжн. см.* **светлогла́зый**

све́тлость *ж* 1. равшанӣ, равшан будан(и) 2.: **ва́ша (его́, её, их)** ~ *уст.* ҷаноби олӣ *(оид ба князи олимақом)*

све́тл||ый, -ая, -ое (све́т|ел, -ла́, -ло) 1. равшан, пурнур, тобон, мунаввар, ҷилодор, ялаққосӣ; **~ая кварти́ра** хонаи равшан; **~ый день** рузи равшан 2. кушод, ...и рангаш кушод, кушодаранг; **~ое пла́тье** куртаи кушодаранг; **~ые во́лосы** муи малла 3. соф, шаффоф, беғубор, зулол; **~ое не́бо** осмони соф 4. *перен.* хурсандиовар, нек, дурахшон; **~ые воспомина́ния** хотираҳои нек; **~ое бу́дущее** оянддаи дурахшон 5. нек, неку, озода, наҷиб; **~ые по́мыслы** нияти нек ◇ **~ая голова́** одами закӣ, одами хирадманд; **~ая ли́чность** шахси некном, одами наҷиб; **~ой па́мяти** *уст.* ёдаш ба хайр, марҳум, раҳматӣ; **~ый ум** мутафаккир, хирадманд; **~ый шрифт** *полигр.* ҳарфҳои борик

светлы́нь *ж прост.*: **кака́я** ~! чи хел равшан аст!

светля́к *м зоол.* кирми шабтоб, шабчароғ

светлячо́к *м ласк. к* **светля́к**

свето= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «рушноӣ», «нур»:* **светолюби́вый** рӯшноидуст

светобоя́знь *ж мед.* рушноитарсӣ

светов||о́й, -а́я, -о́е 1. *физ.* ...и рушноӣ, ...и равшанӣ, ...и нур; **~ы́е во́лны** мавҷҳои рушноӣ 2. ...и чароғ, чароғӣ; **~о́й сигна́л** сигнали чароғӣ ◇ **~о́й год** соли нур

светоза́рн||ый, -ая, -ое (светоза́р|ен, -на, -но) *поэт.* дурахшон, тобон, рахшанда; **~ое со́лнце** офтоби тобон

светоко́пия *ж* нусхаи бо рӯшноӣ гирифташуда *(нусхаи нақшест, ки дар коғази махсуси рушноиҳискунанда гирифта шудааст)*

светолече́бница *ж мед.* муассисаи муолиҷа бо нур

светолече́ние *с мед.* муолиҷа бо нур

светолюби́в||ый, -ая, -ое (светолюби́в, -а, -о) *бот.* рушноидуст; **~ые расте́ния** растаниҳои рушноидуст

светомаскиро́вка *ж* пинҳонкунии рӯшноӣ *(аз ҳуҷуми душман)*

светомаскиро́вочн||ый, -ая, -ое ...и пинҳонкунии рӯшноӣ; **~ые сре́дства** воситаҳои пинҳонкунии рӯшноӣ

светонепроница́емый, -ая, -ое рӯшноинагузар, шуоънагузар

светоно́сный, -ая, -ое (светоно́с|ен, -на, -но) *уст.* рӯшноидор, ...и рушноӣ; ~ **луч** шуълаи рӯшноӣ

светоотража́ющ||ий, -ая, -ее рӯшноиинъикоскунанда; **~ий материа́л** масолеҳи рушноиинъикоскунанда; **~ее устро́йство (приспособле́ние)** таҷҳизоти рушноиинъикоскунанда

светопреломле́ние *с* шикасти (инкисори) нур (шуоъ)

светопреставле́ние *с* 1. *церк.* қиёмат, маҳшар, арасот 2. *перен. разг.* ниҳоят бетартибӣ, ҳарҷу марҷ, дулобӣ

светоси́ла *ж физ.* қувваи рушноӣ

светосто́йкий, -ая, -ое (светосто́|ек, -йка, -йко) офтоббардор *(оид ба ранг)*

светоте́нь *ж иск.* рушноию тирагӣ

светоте́хника *ж* техникаи нур *(соҳаи техника, ки роҳҳои ҳосил кардан ва истифода намудани рушноиро меомузад)*

светофи́льтр *м физ.* шуополо *(ҷиҳозоти оптики барои дигар кардани спектри шуо)*

светофо́р *м* светофор; чароғи раҳнамо

све́точ *м* 1. *уст.* машъал, машъала, чароғ 2. *перен.* машъал; ~ **нау́ки** машъали илм

светочувстви́тельность *ж* рушноиҳискунӣ

светочувстви́тельн||ый, -ая, -ое (светочувстви́те|лен, -льна, -льно) рушноиҳискунанда; **~ая бума́га** коғази рушноиҳискунанда

све́тск||ий, -ая, -ое 1. *уст.* ...и табақаи аъёну ашроф, ашрофона; **~ие мане́ры** рафтору кирдорҳои ашрофона; **~ий челове́к** одами хушодоб 2. *(не церковный)* ғайридинӣ, ғайрирӯҳонӣ; **~ая жи́вопись** наққошии ғайрдинӣ

све́тскость *ж* асилзодагӣ; хушодобӣ; ~ **мане́р** хушодобии атвору рафтор

светя́щ||ийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* тобанда, дурахшанда 2. *прил.* тобон, равшан; **~аяся то́чка** нуқтаи тобон

свеч||а́ *ж* 1. *в разн. знач.* шамъ; **восково́я ~а́** шамъи мумин; **ла́мпочка в сто ~е́й** *эл.* лампочкаи садшамъа; **запа́льная ~а́** *тех.* шамъи афрӯзиш 2. *спорт.* боло паридани туб 3. *в знач. нареч.* **свечо́й: взви́ться ~о́й** рост боло паридан ◇ **игра не сто́ит свеч** *погов.* ≈ ин мурда ба гирья намеарзад

свече́ние *с* партавафканӣ, рӯшноидиҳӣ; ~ **мо́ря** партавафканин баҳр

све́чка *ж см.* **свеча́** ◇ **ни бо́гу ~ ни чёрту кочерга́** *погов.* ≈ на ба зинда бозору на ба мурда мазор; на ба ин ёру на ба он ғамхор; на шамъи мазор, на ҷорӯби хона

свечно́й, -а́я, -о́е ...и шамъ; ...и шамърезӣ; ~ **ога́рок** мунчаи шамъ; ~ **заво́д** заводи шамърезӣ

све́шать *сов. что прост.* баркашидан

све́шаться *сов. прост.* худро баркашидан

све́шивать *несов. см.* **све́сить** I

све́шиваться *несов.* 1. *см.* **све́ситься;** 2. *страд.* овехта шудан

свива́льник *м* банди парпеч, дастпеч, попеч

свива́ть *несов.* 1. *см.* **свить;** 2. *кого* бо дастпеч (бо попеч) печондан

свива́ться *несов.* 1. *см.* **сви́ться;** 2. *страд.* тофта (печонда) шудан

свида́ни||е *с* вохӯрӣ, дидор, мулоқот; **~е с бра́том** вохӯрӣ бо бародар; **делово́е ~е** мулоқот аз хусуси кор; **идти́ на ~е** барои мулоқот [ба ҷое] рафтан ◇ **до [ско́рого] ~я!** хайр!, то дидана!

свиде́тел||ь *м* гувоҳ, шоҳид; **быть ~ем разгово́ра** шоҳиди мусоҳиба будан; **~ь защи́ты** *юр.* шоҳиди тарафи ҳимоякунанда; **~ь обвине́ния** *юр.* шоҳиди тарафи айбдоркунанда; **быть живы́м ~ем чего́-л.** шоҳиди зиндаи чизе будан; **призыва́ть (брать) в ~и** шоҳид нишон додан, гувоҳ овардан

свиде́тельница *женск. к* **свиде́тель**

свиде́тельск||ий, -ая, -ое ...и шоҳид, ...и гувоҳ; **~ие показа́ния** баёноти шоҳид

свиде́тельств||о *с* 1. шаҳодат, шоҳидӣ, гувоҳӣ; **по ~у очеви́дцев** аз рӯи шаҳодати гувоҳон 2. шаҳодат, тасдиқ; **~о преиму́ществ социалисти́ческого стро́я** шаҳодати бартарии сохти социалистӣ 3. шаҳодатнома; **метри́ческое ~о** шаҳодатномаи таваллуд

свиде́тельств||овать *несов.* 1. *что, о чём* шоҳид шудан, гувоҳӣ (шаҳодат)

додан; **это** ~**ует о его эрудиции** ин аз пурдонии у шаҳодат медиҳад; **он** ~**ует, что...** вай гувоҳӣ медиҳад, ки... 2. *что* тасдиқ кардан; ~**овать подпись** дурустии имзоро тасдиқ кардан 3. *кого мед.* муоина кардан, аз назар гузарондан, дида баромадан; ~**овать больного** беморро муоина кардан ◇ ~**овать почтение (уважение, благодарность** *и т. п.*) *кому уст.* изҳори эҳтиром (ташаккур) кардан

свидеться *сов. с кем-чем разг.* во хурдан, якдигарро дидан, дучор шудан, вохӯрӣ (мулоқот) кардан

свинарка *ж* занаки хукбон, хукпарвар

свинарник *м*, **свинарня** *ж* хукхона

свинарь *м* хукбон

свин||ец *м* 1. сурб 2. *перен. собир. (пули)* тир, тири милтиқу таппонча ◇ **лежать (лечь)** ~**цом на душу (на сердце)** гарон омадан, сахт расидан *(дар бораи хабар ва ғ.)*

свинина *ж* гушти хук

свинка I *ж уменьш. к* **свинья** I; ◇ **морская** ~ курмуши обӣ

свинка II *ж мед.* дарди ханозир, тепку

свиновод *м* хукпарвар

свиноводство *с* хукпарварӣ

свиноводческ||ий, -ая, -ое ...и хукпарварӣ; ~**ая ферма** фермаи хукпарварӣ

свин||ой, -ая, -ое 1. ...и хук, хукӣ; ~**ое сало** равғани хук 2. ...и гушти хук

свиноматка *ж с.-х.* модахук

свинопас *м* хукбон, чупони хук

свиносовхоз *м* совхози хукпарварӣ

свиноферма *ж* фермаи хукпарварӣ

свинск||ий, -ая, -ое *разг.* 1. чиркин, ифлос, нопок 2. мурдор, разил(она); ~**ое поведение** рафтори разилона

свинство *с разг.* 1. *(грязь)* чиркинӣ, ифлосӣ 2. *(подлость)* мурдорӣ, разилӣ, хариғарӣ

свинтить *сов. что* 1. *(соединить)* бо мурват (бо винт) пайванд кардан 2. *(снять)* тофта баровардан 3. *разг. (испортить)* тофта кач (вайрон) кардан

свинтиться *сов. разг.* аз тофтан кач (вайрон) шудан

свинцевать *несов. что тех.* сурб андудан, кӯрғошим давондан, сурбандуд (қурғошимандуд) кардан

свинцов||ый, -ая, -ое 1. сурбӣ, қурғошимӣ, ...и сурб, ...и қурғошим; ~**ая руда** маъдани қурғошим; ~**ая пуля** тири қурғошимӣ 2. *(о цвете)* сиёҳ, тира, қурғошимранг; ~**ые тучи** абри сиёҳ 3. *перен.* сахт, вазнин, гарон; ~**ая голова** сари хум барин варамида ◇ ~**ый блеск** *мин.* қурғошимтоб *(як навъ маъдане, ки сурбу гугирд дорад)*

свинчатка *ж* 1. *разг. (бабка)* бучули қурғошимдор 2. *рыб.* лангарчаи қурғошимии тӯри моҳигирӣ

свинчивать *несов. см.* **свинтить**

свинь||я *ж* 1. хук, чучқа; **супоросная** ~**я** хуки бордор (буғуз) 2. *перен. разг. (неряха)* одами чиркин 3. *перен. разг. (подлый человек)* палид, разил, курнамак ◇ ~**я**-~**ей** *прост.* 1) *(неряха)* бисьёр чиркин 2) *(подлец)* палиди гузаро; **метать бисер перед свиньями** ба гӯши хар танбур навохтан; **подложить** ~**ю кому-л.** дар ҳаққи касе бадӣ кардан; **разбирается (смыслит, понимает) как** ~**я в апельсинах** аз девона мепурсанд, ки маҳ чанд

свирель *ж муз.* най

свирепе||ть *несов.* 1. дарғазаб (ғазаболуд, оташин, хашмгин) шудан; **его лицо** ~**ло** чеҳрааш ғазаболуд мешуд 2. *перен.* шиддат ёфтан, сахттар шудан; **ветер** ~**л** шамол сахттар мешуд

свирепо *нареч.* ваҳшиёна, бераҳмона, даррандавор

свирепость *ж* 1. ваҳшигӣ, бераҳмӣ, хунхорӣ; ~ **характера** бераҳмии табиат 2. *перен. сахтӣ, шиддатнокӣ*

свирепств||овать *несов.* 1. ваҳшигӣ (бераҳмӣ, хунхорӣ) кардан 2. *перен.* шиддат гирифтан, зур (сахт) шудан; **мороз** ~**ует** сармо шиддат мегирад 3. *перен.* паҳн шудан; ~**ует эпидемия гриппа** эпидемияи грипп паҳн мешавад

свиреп||ый, -ая, -ое (свиреп, -а, -о) 1. ваҳшӣ, бераҳм, хунхор, дарранда; ~**ые палачи** ҷаллодони хунхор; ~**ое животное** ҳайвони ваҳшӣ 2. пурғазаб, даҳшатнок; ~**ый взгляд** нигоҳи пурғазаб; ~**ая наружность** қиёфаи даҳшатовар 3. *перен.* шадид; сахт; ~**ый ураган** туфони сахт

свиристель *ж зоол.* зарғилдоқ

свиристеть *несов.* хуштак кашидан

свиса||ть *несов.* овезон (хам) будан; **ветви ивы** ~**ют в воду** шохаҳои мачнунбед ба об овезонанд

свиснуть *сов. см.* **свисать**

свист *м* 1. хуштак, хуштаккашӣ, хушт; чаҳ-чаҳ; **вдали раздался** ~ аз дур хуштаке ба гуш расид; ~ **сусликов** хуштаккашии юрмонхо; **птичий** ~ чаҳ-чаҳи мурғон 2. ғиззас, ғуввас, виззас; ~ **пуль** ғиззаси тирҳо; ~ **ветра** ғуввасшамол

свистать *сов. см.* **свистеть** ◇ **ищи свищи!** ёбу гир!; ~ **всех наверх!** *мор.* бароед!, ҳама ба боло! *(барои кори ҳашар)*

свист||еть *несов.* 1. хуштак кашидан; **он артистически** ~**ит** вай моҳирона хуштак мекашад; ~**еть в свисток** хуштак кашидан 2. ғиззас (ғуввас, виззас) задан; **пули** ~**ят** тирҳо виззас мезананд; **ветер** ~**ит в ушах** ғувваси шамол ба гӯш мерасад 3. *кого-что, кому разг.* хуштак кашида чеғ задан 4. чаҳ-чаҳ задан; **птицы** ~**ят в саду** мурғон дар боғ чаҳ-чаҳ мезананд ◇ ~**еть в кулак** *прост.* мухтоҷӣ кашидан; **ветер** ~**ит в карманах (в кармане)** *чьих, у кого* киса касал, ҷайбҳо тиҳӣ

свистн||уть *сов.* 1. *однокр. к* **свистеть**; 2. *кого прост. (сильно ударить)* сахт задан 3. *кого-что прост. (украсть)* дуздидан ◇ **когда рак** ~**ет** *прост.* ≈ кай думи шутур ба замин расад

свисток *м* 1. хуштак, ушпулак 2. садои хуштак (ушпулак); **паровоз дал** ~ паровоз хуштак кашид

свистопляска *ж пренебр.* мағал, талотуб, ҳарҷумарҷ

свистулька *ж разг.* ушпулак

свистун *м* 1. *(любитель свистеть)* хуштаккаш 2. *перен.* лаққӣ, сергап, дуруғбоф

свистящ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* хуштаккашанда 2. *прил. лингв.* хуштакӣ; ~**ие согласные** ҳамсадоҳои хуштакӣ *(мас. «с», «ш»)*

свита I *ж уст.* аҳли рикоб, ҳашам, надимон

свита II *ж геол.* лоя

свита III *ж см.* **свитка**

свитер *м* свитер

свитка *ж* ҷома

свиток *м* нома, дастнависи баста (лулапеч); ~ **рукописей** лулапечи дастнавис

свить *сов. что* 1. тофтан, печондан, тоб додан; ~ **верёвку** арғамчин тофтан 2. сохтан; ~ **венок** гулчанбар сохтан; **ласточки свили гнездо** фароштурукҳо лона сохтанд

сви||ться *сов.* печидан, печ хурдан, печонда шудан; **змея** ~**лась клубком** мор печид

свихнуть *сов.* 1. *что разг.* баровардан, аз ҷо бечо кардан; ~ **ногу** пои худро баровардан 2. *см.* **свихнуться** 1; ◇ ~ **себе шею** *прост.* гирифтори нокомӣ шудан, гардан шикастан

свихнуться *сов. разг.* 1. аз ақл бегона шудан, ақл гум кардан 2. *чаще со словами «с пути», «со стези»* гумроҳ шудан, роҳ гум кардан, бероҳа шудан ◇ ~ **с ума** *уст.* 1) девона шудан, ақл гум кардан 2) рафтори беақлона кардан

свищ *м* 1. *(дыра)* сурох, шикоф, ковокӣ; ~**и в шкуре** сурохҳои пуст 2. *тех.* холигӣ 3. *мед.* носур, яраи фасоддор

свиязь *ж зоол.* сарича

свобод||а *ж в разн. знач.* озодӣ; **демократические** ~**ы** озодиҳои демократӣ; ~**а печати** озодии матбуот; ~**а слова** озодии сухан; **предоставить** ~**у действий** ихтиёр додан; **выпустить на** ~**у** озод (раҳо) кардан; **даровать** ~**у** озодӣ бахшидан; **лишить** ~**ы** аз озодӣ маҳрум кардан, ҳабс кардан; **очутиться на** ~**е** озод шудан, раҳоӣ ёфтан ◇ **на** ~**е** дар вактҳои холӣ

свободно *нареч.* 1. озодона, мустақилона; **он держит себя** ~ вай озодона рафтор мекунад, у бетакаллуф аст 2. васеъ, кушод, фарох; **костюм сидит на нём** ~ костюмаш васеъ аст 3. ба осонӣ, хуб; **он** ~ **говорит по-русски** вай ба русӣ бемалол гап мезанад 4. *(без опоры)* бе такья ◇ **вздохнуть** ~ хотирҷамъ шудан

свободн||ый, -ая, -ое (свобод|ен, -на, -но) 1. *(не раб)* озод; ~**ые крестьяне** деҳқонҳои озод (ғайриғулом) 2. озод(она), мустақил(она); ~**ый народ** халқи озод; ~**ый выбор** интихоби мустақилона 3. озод(она), бемамониат; ~**ая торговля** савдои озод; ~**ые выборы** интихоботи озодона; ~**ый обмен мне-**

ниями муоширати озодона; ~ый **проезд** рафтани бемамониат; **в парк вход** ~ый ба парк даромадан бепул аст 4. бетакаллуф(она); ~ые **манеры** рафтори бетакаллуфона 5. холӣ; бекор; ~ых **мест нет** ҷои холӣ нест; ~ое **время** вакти холӣ; **он сегодня свободен** вай имрӯз бекор аст 6. бекора, бекор; ~ые **деньги** пули бекора 7. васеъ, кушод, фарох; ~ый **костюм** костюми васеъ; ~ое **пространство** фазои кушод 8. *тк. полн. ф. хим.* холис; ~ый **водород** гидрогени холис 9. озод(она); ~ое **дыхание** нафаскашии озод; ~ые **движения** ҳаракатҳои озодона ◇ ~ая **профессия** *уст.* касби озод (*касби касоне, ки бо ҳаққи калам, зиндагонӣ мекунанд, мас. нависандагон, рассомон ва г.*); ~ый **художник** санъаткори озод (1) *дар Россияи тореволюционӣ унвони онҳое, ки бо медали нуқра Академияи рассомиро хатм мекарданд*; 2) *мусиқичии соҳиби маълумоти олӣ*); **ты свободен, вы** ~ы ту (шумо) озод

свободолюбив||ый, -ая, -ое (свободолюбив, -а, -о) озодидуст, озодихоҳ(она); ~ый **народ** халқи озодидуст; ~ые **речи** суханҳои озодихоҳона

свободолюбие *с* озодидустӣ, озодихоҳӣ

свободомыслие *с* озодфикрӣ

свободомыслящий, -ая, -ее озодфикр; ~ **учёный** олими озодфикр

свод I *м арх.* 1. гунбаз, равоқ, тоқ; **каменный** ~ равоқи сангин 2. тақ, соя; **под** ~**ом деревьев** дар таки дарахтон ◇ **небесный** ~, ~ **неба** гунбази фалак

свод II *м* маҷмуа, маҷмуъ; ~ **законов** маҷмуи қонунҳо; ~ **статистических данных** маҷмуаи маълумоти статистикӣ

сводить I *сов. кого-что разг.* бурдан; ~ **детей в кино** бачагонро ба кино бурдан

сводить II *несов. см.* **свести** ◇ **глаз не** ~ **с кого-чего-л.** аз касе, чизе чашм накандан; **едва (еле, кое-как)** ~ **концы с концами** ба зӯр нуг ба нуг расондан

сводиться *несов.* 1. *см.* **свестись**; 2. *к чему* маънӣ доштан; **всё сводится к тому, что...** ҳамаи ин чунин маънӣ дорад, ки... 3. *страд.* гузаронда шудан; расонда шудан

сводка *ж* 1. (*по знач. гл.* **свести** 2, 7—12) бурдан(и); ба ҳам расондан(и); ҷамъбаст кардан(и); равондан(и) 2. хулоса, ахборот, маълумот; ~ **погоды** маълумоти обу ҳаво; ~ **военных действий** ахбори амалиёти ҳарбӣ; **статистическая** ~ маълумоти статистикӣ

сводник *м презр.* далла

сводница *ж презр.* занаки далла, даллола

сводничать *несов. разг.* даллагӣ кардан

644 сводничевский, -ая, -ое *разг.* ...и даллагӣ

сводничество *с презр.* даллагӣ

сводн||ый, -ая, -ое 1. ҷамъбастшуда, якҷоя, ҷамъбастӣ, муттаҳид; ~ые **данные** маълумоти ҷамъбастӣ; ~ый **полк** полки муттаҳид 2. угай; ~ая **сестра** хоҳари угай; ~ый **брат** бародари угай

сводня *ж прост. см.* **сводница**

сводчатый, -ая, -ое гунбазшакл; равоқдор, тоқдор; ~ **потолок** шифти равоқдор

своевластие *с уст. книжн.* худсарӣ, худраъйӣ

своевластный, -ая, -ое *уст. книжн.* худсар, худраъй

своеволие *с* худсарӣ, худраъйӣ

своевольник *м разг.* худсар, худраъй

своевольница *женск. к* **своевольник**

своевольничать *несов. разг.* худсарӣ (худраъйӣ) кардан

своевольный, -ая, -ое (своево|лен, -льна, -льно) худсар(она), худраъй; ~ **человек** одами худраъй; ~ **поступок** рафтори худсарона

своевременность *ж* дар айни вақт шудан(и), бамавқеъ (баҷо) будан(и); ~ **помощи** дар айни вақт расонда шудани ёрӣ

своевременн||ый, -ая, -ое (своевремен|ен, -на, -но) дар айни вақт шаванда, ...и айни муддао; ~ые **меры** чораҳои айни муддао

своекорыстие *с* тамаъ, озмандӣ

своекорыстн||ый, -ая, -ое (своекорыст|ен, -на, -но) тамаъкор(она), озманд; ~ые **цели** ниятҳои тамаъкорона

своенравие *с*, **своенравность** *ж* худсарӣ, худкашӣ, инҷиқӣ, саркашӣ, худраъйӣ

своенравный, -ая, -ое (своенрав|ен, -на, -но) худсар, худкаш, инҷиқ, саркаш, худраъй; ~ **человек** одами худраъй

своеобразие *с* хусусият, ба худ хос будан(и), махсус будан(и), хислати хос доштан(и); ~ **стиля писателя** хусусияти услуби нависанда

своеобразн||ый, -ая, -ое (своеобраз|ен, -на, -но) ба худ хос, махсус; ~ый **человек** одами ба худ хос; ~ый **рисунок** нақши махсус; ~ая **точка зрения** нуқтаи назари ба худ хос

свозить I *сов. кого-что* савора бурда овардан; ~ **детей в парк** бачагонро ба чорбоғ бурда овардан

свозить II *несов. см.* **свезти**

свозиться *несов. страд.* бурда шудан

сво||й (своя, своё, свой) *мест. притяж.* 1. худ, хеш; **жить** ~**им трудом** бо меҳнати худ зиндагӣ кардан; **сядь на** ~**ё место** ба ҷои худ нишин; **я скажу** ~**ему отцу** ман ба падарам мегӯям; **у него нет** ~**его мнения** вай фикри худро надорад; **дойти** ~**им умом** бо ақли худ фаҳмидан; **расскажи о** ~**ём детстве** дар бораи бачагии худ нақл кун 2. (*собственный*) худ, азонихудӣ, аз они худ; **он живёт в** ~**ём доме** вай дар хонаи худ зиндагонӣ мекунад; **овощи у нас** ~**и** сабзавот аз они худи мост; **дай мне** ~**ю книгу** китоби худро ба ман деҳ 3. махсус, ба худ хос; **в этом есть** ~**я прелесть** ин чиз латофати ба худ хос дорад 4. муносиб, мувофиқ; **на всякий вопрос есть** ~**й ответ** ҳар савол ҷавоби муносиб дорад 5. хеш, азонихудӣ; **он** ~**й человек** вай одами худист // *в знач. сущ.* **свой** *м* худӣ, аз они худ, азонихудӣ // *в знач. сущ.* **свои** *мн. разг.* хешу ақрабо; **я не предупредил** ~**их** ман хешовандони худро огоҳ накардаам; **скажи** ~**им, чтобы зашли к нам** ба хешу ақрабоят гӯй, ки ба хонаи мо биёянд 6. *в знач. сущ.* **своё** *с* гапи (фикри, кори *ва г.*) худ; **твердить** ~**ё** гапи худро бо исрор такрор кардан ◇ ~**й в доску** *прост.* чор кас медидагӣ; ~**им** [**собственным**] **горбом** бо меҳнати худ, бо қуввати бозуи худ; ~**им порядком** ба тарзи маъмулӣ, худ ба худ; ~**ими глазами** бо чашми худ; ~**ими словами** бо забони худ; ~**я рука** одами худӣ, ошно; **сам не** ~**й** парешонҳол; **в** ~**ё время** 1) (*в прошлом*) дар гузашта, як вақтҳо 2) (*когда необходимо*) вақташ ки расид; **в** ~**ём роде**, ~**его рода** гуё ки...; **в** ~**ё удовольствие** бегамона, бепарвоёна, лоуболона; **на** ~**их** [**на**] **двоих** пиёда; **на** ~**ю голову** бар зарари худ; **не в** ~**ём уме** девонаавзоъ, ҷиннитоб; **брать** ~**ё** 1) (*добиваться цели*) ба мақсад расидан 2) (*проявляться во всей полноте*) ба куллӣ зоҳир шудан 3) (*одолевать — о чувствах*) ғалаба кардан; **сон брал** ~**ё** хоб бар ӯ ғалаба кард 4) (*сказываться — о возрасте*) осор гузоштан; **годы берут** ~**ё** пирӣ осорашро мегузорад; пирӣ пирист; **вести** ~**й род** *от кого* аз авлоди... будан; **идти** ~**ей дорогой** ба тарзи худ рафтор кардан; **называть вещи** ~**ими именами** ҳаққи гапро гуфтан, шаф-шаф нагуфта шафтолу гуфтан; **не** ~**им голосом кричать** *прост.* сахт (ғулу дарронда) фарьёд задан; **не видеть дальше** ~**его** [**собственного**] **носа** аз атроф бехабар будан, кутоҳандеш будан; **стоять на** ~**ём** исрор кардан, исроркорона таъкид кардан; **умереть** ~**ей смертью** бо аҷали худ мурдан; ~**я ноша не тянет** санги даркорӣ вазн надорад; ~**я рубаха ближе к телу** *посл.* аввал хеш, баъд дарвеш

свойский -ая, -ое 1. *уст. и прост.* оддӣ, азонихудӣ, дустона 2. *прост.* ҷони одам

свойственник *м* хеш, одами хеш, қудо

свойственн||ый, -ая, -ое (свойствен, -на, -но) махсус, ба худ хос; **молодёжи** ~**а энергия** ғайрат ба ҷавонон хос аст

свойств||о *с* хусусият, хосият, сифат, хислат; **правдивость** — **его главное** ~**о** ростқавлӣ сифати аслии вай аст

свойств||о *с* хешӣ, қудоӣ, қудо будан(и); **быть в** ~**е с кем-л.** бо касе қудогӣ доштан

сволакивать *несов. см.* **сволочь**

сволочь *ж бран.* нобакор, палид

сволочь *сов. кого-что прост.* 1. каши-

да фуровардан, бардоштан; ~ **мешо́к с арбы́** халтаро аз ароба кашида фуровардан 2. *(снести в одно место)* кашонда дар як ҷо туп кардан; ~ **груз в у́гол** борро кашонда дар кунҷ ҷойгир кардан 3. *(украсть)* дуздидан

сво́ра *ж* 1. *собир.* гала; ~ **волко́в** галаи гургон 2. *(ремень для собак)* тасмаи (занҷири) саг 3. *перен.* *(шайка)* ту́да, даста

сворáчивать *несов.* 1. *см.* **сверну́ть**; 2. *см.* **свороти́ть**

сворачиваться *несов.* 1. *см.* **сверну́ться**; 2. *страд.* тофта шудан, гардонда шудан

сво́рка *ж уменьш. к* **сво́ра** 2

своровать *сов. что разг.* дуздидан, дуздида бурдан

свороти́||ть *сов.* 1. *кого-что разг.* аз ҷо ҷунбондан; ~**ть ка́мень** сангро аз ҷо ҷунбондан 2. *кого-что прост.* равона кардан, рондан; **он ~л ло́шадь за́ угол** вай аспро ба хамгашти роҳ гардонд 3. *прост.* гаштан; ~**те нале́во!** ба тарафи чап гардед! 4. *что кому прост.* *(сломать)* шикастан, маъюб кардан ◇ ~**ть го́ры** кӯҳро талқон кардан

свояк *м* 1. *(муж сестры жены)* боҷа; 2. *обл.* хеш, қудо 3. *разг.* одами худӣ, одами наздик

своя́ченица *ж (сестра жены)* хоҳарарус

свыка́ться *несов. см.* **свы́кнуться**

свы́к||нуться *сов. с кем-чем* омӯхта шудан, унс гирифтан, одат кардан; **он ~ся с новой обстано́вкой** вай ба шароити нав одат кардааст

свысока́ *нареч.* 1. *уст.* *(сверху)* аз боло 2. мағрурона, ҳавобаландона, мутакаббирона; **относи́ться к кому́-л.** ~ бо касе мағрурона муомила кардан

свы́ча||й *м уст. и обл.* одат; ~**и и обы́чаи** расму одат

свы́ше 1. *нареч.* аз боло, аз идораҳои боло; **распоряже́ние** ~ фармоиш аз боло 2. *предлог с род.* зиёд аз..., зиёда аз..., беруи аз..., зиёдтар, зиёдтар аз...; **здесь ~ ста челове́к** дар ин ҷо аз сад кас зиёд одам аст; **э́то ~ челове́ческих сил** ин кор аз дасти одам намеояд

свя́занность *ж* озодона набудан(и), баста будан(и)

свя́занн||ый, -ая, -ое (связан, -а, -о) 1. *прич.* басташуда, алоқадор 2. *прил.* баста; **со ~ыми рука́ми** бо дастони баста 3. *прил. перен.* ноозод 4. *прил. хим.* омехта, омехташуда; ~**ый азо́т** азоти омехташуда

связа́||ть *сов.* 1. *кого-что* бастан, васл кардан; ~**ть ве́щи** чизҳоро бастан 2. *кого-что с кем-чем перен.* алоқаманд кардан, пайвастан; ~**ть тео́рию с пра́ктикой** назарияро бо амалия пайвастан 3. пайвастан; **но́вая доро́га ~ла дере́вню с го́родом** роҳи нав деҳаро бо шаҳр пайваст 4. *что, что с чем перен.* алоқадор (марбут, вобаста) кардан; ~**ть оди́н вопро́с с други́м** як масъаларо бо масъалаи дигар вобаста кардан 5. *кого-что, чем* дасту пои касеро бастан; бе ресмон бастан, ба боло монондан; **его́ поруче́ние ~ло меня́** супориши вай маро бе ресмон баст 6. *что* бофтан; ~**ть носки́** ҷуроб бофтан ◇ ~**ть ру́ки кому́-л.** ҳуқуқи касеро маҳдуд кардан; ~**ть по рука́м и [по] нога́м кого́-л.** дасту пои касеро бастан; **не мочь (не уме́ть) ~ть двух слов** ду калимаро ба ҳам пайваста натавонистан

связа́||ться *сов. с кем-чем и без доп.* 1. *разг.* баста шудан 2. алоқа бастан (кардан), алоқадор шудан, алоқаманд шудан; ~**ться по телефо́ну** бо телефон гап задан 3. *разг.* сарукор доштан, наздикӣ пайдо кардан; **зря вы с ним ~лись** шумо беҳуда бо вай сарукор доред; ~**лся чёрт с младе́нцем** *погов.* ≈ гургу гӯсфанд оштӣ шуданд

связи́ст *м* алоқачӣ, коркуни алоқа

связи́стка *женск. к* **связи́ст**

свя́зк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **связа́ть** 1) бастан(и); ~**а паке́тов** бастани пакетҳо 2. даста, банд, дарза; ~**а книг** як даста китоб; ~**а ключе́й** як даста калид; ~**а дров** як дарза ҳезум 3. *анат.* пай; **голосовы́е ~и** садопарда; **мы́шечные ~и** пайҳои мушак; **разры́в свя́зок** кандани пайҳо 4. *грам.* бандак

свя́зно *нареч.* равон, фасеҳона; ~ **излага́ть** фасеҳона баён кардан

связно́й, -а́я, -о́е 1. ...и робита 2. *в знач. сущ.* **связно́й** *м воен.* қосид, хаткашон

свя́зность *ж* фасоҳат, салосат; ~ **изложе́ния** фасоҳати (салосати) баёнот

свя́зн||ый, -ая, -ое (свя́з|ен, -на, -но) равон, салис, фасеҳ; ~**ый расска́з** ҳикояи салис; ~**ое изложе́ние** баёноти салис

свя́зочный, -ая, -ое *анат.* ...и пай, ...и рагу пай

связу́ющ||ий, -ая, -ее *книжн. прич.*, *прил.* пайвасткунанда, ...и илтиҳоқ, ...и иртибот; ~**ее звено́** ҳалқаи илтиҳоқ

свя́зывание *с* *(по знач. гл.* **связа́ть** 1) бастан(и), васл кардан(и)

свя́зывать *несов. см.* **связа́ть**

свя́зываться *несов.* 1. *см.* **связа́ться**; 2. *страд.* баста шудан

свя́з||ь *ж* 1. алоқа, робита; **логи́ческая ~ь** робитаи мантиқӣ; ~**ь ме́жду сло́вом и де́лом** алоқаи қавлу кор 2. алоқа, робита; **дру́жеская ~ь** алоқаи дӯстӣ; **деловы́е ~и** робитаи корӣ; **вне́шние экономи́ческие ~и** робитаҳои иқтисодии хориҷӣ; **прямы́е ~и** *(между организациями)* алоқаҳои бевосита; **тво́рческие ~и** робитаҳои эҷодӣ; ~**ь поколе́ний** иртиботи авлод; **порва́ть ~ь с ке́м-л.** аз касе алоқаро кандан (катъ кардан) 3. *мн.* **связи** *ошной, алоқаи дӯстӣ*; **име́ть ~и** *ошной* (алоқаи дӯстӣ) доштан; **пусти́ть в ход ~и** алоқаи дӯстиро ба кор бурдан; **больши́е ~и** шиносҳои бонуфуз; **челове́к со ~ями** одами серошно 4. *(любовные отношения)* ишкбозӣ 5. алоқа; ~**ь по ра́дио** алоқаи радио; **слу́жба ~и** умури алоқа; **сре́дства ~и** воситаҳои алоқа; **рабо́тник ~и** коркуни алоқа; **косми́ческая ~ь** алоқаи кайҳонӣ; **почто́вая ~ь** алоқаи почта; **телевизио́нная ~ь** алоқаи телевизионӣ; **телегра́фная ~ь** алоқаи телеграфӣ; **телефо́нная ~ь** алоқаи телефонӣ ◇ **в ~и с че́м-л.** ба муносибати чизе, аз сабаби чизе; **в ~и с боле́знью арти́ста конце́рт перено́сится на друго́й день** аз сабаби касалии артист концерт ба рузи дигар мононда мешавад

свя́сло *с обл.* бандина

святе́йшество *с*: **его́ (ва́ше, их)** ~ ҳазрат

святи́лище *с* 1. *уст.* *(храм)* маъбад, ибодатгоҳ 2. *перен.* даргоҳ; ~ **нау́ки** даргоҳи илм

святи́тель *м* 1. *церк.* ҳазрат 2. *см.* **свято́й** 3

святи́ть *несов. церк.* тақдис кардан, ҳалол гардондан *(дар дини насронӣ)*

свя́тки *тк. мн. рел.* идн мавлуд *(рӯзҳои иди насоро аз рузи мавлуди Исо то рӯзи таъмиди ӯ)*

свя́то *нареч.* самимона, аз таҳи дил; ~ **ве́рить** самимона бовар доштан; ~ **храни́ть тради́ции** анъанаҳоро аз таҳи дил муҳофизат кардан

свят||о́й, -а́я, -о́е (свят, -а́, -о) 1. *рел.* муқаддас; ~**а́я вода́** оби муқаддас; ~**ы́е места́** зиёратгоҳҳо 2. *тк. полн. ф. и в знач. сущ.* **свято́й** *м рел.* авлиё, валӣ; *в знач. сущ.* **свята́я** *ж рел.* авлиё 3. *перен.* покиза, ҳалол, поксиришт; ~**о́й челове́к** одами поксиришт 4. *перен.* олӣ, муқаддас; ~**о́й долг** вазифаи олӣ; ~**а́я и́стина** ҳақиқати олӣ ◇ ~**а́я простота́** одами содда; ~**а́я святы́х** *ж нескл.* ҳарам, ҷои муқаддас, чизи аз ҳад зиёд азиз; ~**ы́м ду́хом узна́ть** *шутл.* бо як мӯъҷиза (аз кароматд) донистан (фаҳмидан); **как бог свят** *уст.* бешакку шубҳа; **худо ҳозир, ки...**; **хоть ~ы́х [вон] выноси́** *погов. уст.* ≈ болои белмонӣ намеистад

свя́тость *ж* 1. *рел.* муқаддасӣ, қудсият 2. *перен.* муқаддас (олӣ) будан(и)

святота́тственный, -ая, -ое ...и таҳқири муқаддасот

святота́тство *с* 1. *рел.* таҳқир, таҳқир кардани муқаддасот 2. *перен.* таҳқир кардан(и)

святота́тствовать *несов.* муқаддасотро таҳқир кардан

свя́точн||ый, -ая, -ое *рел.* ...и иди мавлуд; ~**ые и́гры** бозиҳои иди мавлуд

свято́ша *м, ж* 1. *уст.* *(богомольный человек)* порсо, тақводор 2. *(ханжа)* одами риёкор мунофиқ

свя́тцы *тк. мн. церк.* тақвими динӣ

святы́н||я *ж* чизи (ҷои) муқаддас, чизи азиз; **бере́чь как ~ю** ҳамчун чизи муқаддас нигоҳ доштан

свяще́нник *м рел.* кашиш, поп, рӯҳонӣ

свяще́ннический, -ая, -ое *рел.* ...и кашиш, ...и поп, ...и руҳонӣ

священноде́йствие *с* 1. *рел.* ибодат 2. *перен. ирон.* бо тантанаву дабдаба кардани коре

священноде́йствовать *несов.* 1. *рел.* ибодат кардан 2. *перен. ирон.* бо тантанаву дабдаба коре кардан

священнослужитель *м* 1. ибодаткунанда, обид 2. ходими калисо, кашиш, поп

свящённ||ый, -ая, -ое (священ, -на, -но) 1. *рел.* муқаддас; **Свящённое писание** Каломи худо (Таврот, Инҷил, Забур *ва ғ.*) 2. *перен.* (*чтимый, дорогой*) олӣ, муқаддас; **~ый долг** вазифаи муқаддас; **~ые рубежи Родины** сарҳадҳои муқаддаси Ватан 3. азиз, наҷиб; **~ые воспоминания** хотираҳои азиз; **~ое чувство** эҳсоси наҷиб

свящéнство *с церк.* 1. (*сан священника*) мансаби руҳонӣ; унвони руҳонӣ 2. *собир.* кашишҳо, руҳониён, попҳо

сгиб *м* 1. (*по знач. гл.* **согнуть** I) хам (қат) кардан(и) 2. чои хамида, қат, хам, чин; **~ колéна** хами зону; **обшивка лопнула на ~е** қати руйкаш кафидааст

сгибать *несов. см.* **согнýть**

сгибаться *несов.* 1. *см.* **согнýться**; 2. *страд.* хам (қат) карда шудан

сгйну||ть *сов. разг.* нобуд (нест, дафъ) шудан, аз байн рафтан, барҳам хурдан; **он ~л бесслéдно** вай тамоман аз байн рафт, асараш ҳам намонд

сглáдить *сов. что* 1. *разг.* ҳамвор (тахт) кардан; барҳам додан, бартараф кардан; **~ шероховáтости** пастию баландиҳоро ҳамвор кардан 2. *перен.* кам кардан, аз байн бурдан, аз миён бардоштан, барҳам додан, бартараф кардан; **~ нелóвкость** хиҷолатро аз байн бурдан; **~ противорéчия** зиддиятҳоро бартараф кардан

сглáди||ться *сов.* 1. *разг.* ҳамвор (тахт) шудан 2. *перен.* кам шудан, барҳам хурдан, бартараф шудан; **боль разлýки ~лась** дарди фироқ таскин ёфт

сглáживать *несов. см.* **сглáдить**

сглáживаться *несов.* 1. *см.* **сглáдиться**; 2. *страд.* ҳамвор (тахт) карда шудан

сглаз *м* (*по знач. гл.* **сглáзить**) расидани чашм

сглáзи||ть *сов. кого-что и без доп. разг.* чашм расидан; **его ~ли** ба вай чашм расид

сглодá||ть *сов. что разг.* хоидан, хоида хурдан; **собáка ~ла кóсти** саг устухонҳоро хоида хурдааст

сглупи́ть *сов. разг.* аҳмақӣ (аблаҳӣ) кардан

сгни||ть *сов.* пусидан, тосидан; **сéно ~ло от дождéй** алаф зери борон монда пусид; **яблоки ~ли** себҳо тосиданд

сгноить *сов.* 1. *что* пусондан, тосондан 2. *кого перен.* нобуд кардан, куштан

сговáриваться *несов. см.* **сговори́ться**

сговор *м* 1. *уст.* (*помолвка*) фотиҳа, ноншиканон 2. *неодобр.* забон як кардан(и), созиш; **~ империалистов** забон як кардани империалистон

сговори||ться *сов.* 1. *с кем-чем* суханро ба як чо мондан, қарор додан, ба қароре омадан; **мы ~лись встрéтиться в два часá** мо қарор додем дар соати ду вохурем 2. ҳамдигарро фаҳмидан, ба як қарор омадан, созиш кардан; **с ним легкó ~ться** бо вай ба як қарор омадан осон аст

сговóрчивость *ж* гапдарой, гаправӣ

сговóрчивый, -ая, -ое (сговорчив, -а, -о) гапдаро, гаправ; **~ человéк** одами гапдаро

сгонять *несов. см.* **согнáть**

сгораемость *ж* қобилияти сузиш, сухташавандагӣ; **~ ýгля** сухташавандагии ангишт

сгорáни||е *с* (*по знач. гл.* **сгорéть**) сӯхтан(и), сузиш; **двигатель внýтреннего ~я** *тех.* муҳаррики дарунсуз

сгорáть *несов. см.* **сгорéть**; **~ от любопы́тства** аз кунҷковӣ бетоқат шудан; **~ от нетерпéния** тобу тоқат надоштан

сгóрбить *сов. что* хам (дуто, дуқат) кардан; **~ спи́ну** қадро дуто кардан

сгóрбиться *сов.* хам (дуто, дуқат) шудан

сгóрбленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хам (дуто, дуқат) кардашуда 2. *прил.* хам, дуто, дуқат, хамидақомат, ...и қаддаш дуто; **~ая старýшка** кампири дуқат; **~ая спинá** қадди хам

сгорé||ть *сов.* 1. сӯхтан, таг гирифтан (сухтан); **палáтка ~ла** хайма сухт; **плов ~л** таги палав гирифт; **он ~л, онá ~ла** *прост.* каппааш (хонааш) сухт 2. сухта тамом шудан; **за мéсяц ~ло полтóнны ýгля** дар як моҳ ним тонна ангишт сухт 3. (*о растительности*) парт шудан; **травá ~ла** алаф парт шуд 4. (*о зерне и т. п.*) пусидан, тосидан 5. *перен. разг.* нобуд шудан, мурдан ◇ **~ть от (со) стыдá** аз хиҷолат сурх шудан

сгорячá *нареч. разг.* аз оташинӣ, дар болои ҷаҳл; **~ обидеть когó-л.** дар болои ҷаҳл касеро ранҷондан

сготóвить *сов. что разг.* тайёр кардан, пухтан; **~ ýжин** хуроки шом тайёр кардан

сгрести́ *сов.* 1. *что* туда кардан; **~ мýсор в кýчу** ахлотро туда кардан 2. *что* руфтан, руфта партофтан, бел кардан; **~ снег с кры́ши** барфи бомро тоза кардан 3. *кого-что прост.* ба оғуш гирифтан, дар бар гирифтан; **~ в объя́тия** ба оғуш гирифтан

сгрýди||ться *сов. разг.* туда шудан; **у дóма ~лись любопы́тные** дар назди хона ҳангоматалабон туда шуданд

сгружáть *несов. см.* **сгрузи́ть**

сгружáться *несов.* 1. *см.* **сгрузи́ться**; 2. *страд.* фуроварда шудан

сгрузи́ть *сов. что* фуровардан; **~ контéйнеры с мéбелью** контейнерҳои мебельдорро фуровардан

сгрузи́ться фуроварда шудан

сгруппировáть *сов. кого-что* ғун (гуруҳ-гуруҳ, туда) кардан; ҷамъ кардан

сгруппировá||ться *сов.* гуруҳ-гуруҳ (ҷамъ) шудан; **шкóльники ~лись во дворé** мактаббачагон дар руи ҳавлӣ ҷамъ шуданд

сгрызáть *несов. см.* **сгрызть**

серебр||и́ться *несов.* 1. *(блестеть)* нуқравор дурахшидан 2. *(виднеться — о серебристом)* нуқрафом тофтан; **вдали́ ~и́лось о́зеро** аз дур кул метофт 3. *перен.* сафед шудан; **его́ виски́ уже́ ~я́тся** муи чаккаҳояш мошу биринҷ шудааст 4. *страд.* симандуд карда шудан

серебр||о́ *с* 1. нуқра, сим; **сплав ~а́** хӯлаи нуқра 2. *собир.* ашьёи (асбобҳои) нуқрагин 3. ранги нуқрафом (нуқратоб); **~о́ воло́с** сафедии муй 4. *собир.* тангаи нуқра; **расплати́ться ~о́м** танга додан

сереброно́сн||ый, -ая, -ое (сереброно́с|ен, -на, -но) *геол.* нуқрадор, симдор; **~ая жи́ла** қабати маъдани нуқрадор

сере́бряник *м* устои нуқрадавонӣ, симандудкунанда

сере́брян||ый, -ая, -ое 1. ...и нуқра, нуқрагин, симин; **~ая руда́** маъдани нуқра; **~ая ло́жка** қошуқи нуқрагин 2. *перен. поэт.* нуқрафом, нуқратоб, нуқравор 3. *перен.* ҷарангосӣ, хушсадо; **~ый смех** хандан ҷарангосӣ ✧ **~ый блеск** *мин.* ҷилои нуқра; **~ая сва́дьба** биступанҷсолагии туи никоҳ

середи́н||а *ж* 1. *(место)* миёнҷой, мобайн, васат; **~а о́зера** миёнҷои кул 2. *(время)* миёна, нисф; **в ~е ле́та** дар миёнаи тобистон; **останови́ться на ~е расска́за** дар нисфи ҳикоя истодан ✧ **золота́я ~а** хайрулумури авсатуҳо; **~а наполови́ну** як навъ; на баду на хуб; **держа́ться ~ы** меъёр донистан, ҳад шинохтан

середи́нка *ж ласк. к* **середи́на** ✧ ~ **наполови́нку** *см.* **середи́на (середи́на наполови́ну)**

середи́нн||ый, -ая, -ое 1. миёна, мобайнӣ, васатӣ; **~ое положе́ние** мавқеи мобайнӣ 2. *перен.* созишкорона; **~ое реше́ние вопро́са** ҳалли созишкоронаи масъала

серёдка *ж* 1. *прост.* мағз, дарун, дила; ~ **абрико́са** мағзи зардолу 2. *см.* **середи́на**; ✧ ~ **наполови́ну (наполови́нку)** *см.* **середи́на (середи́на наполови́ну)**

середня́к *м* миёнаҳол, деҳқони миёнаҳол

середня́цк||ий, -ая, -ое ...и миёнаҳол, ...и деҳқони миёнаҳол; **~ое хозя́йство** хоҷагии деҳқони миёнаҳол

середня́чество *с собир.* миёнаҳолон, деҳқонони миёнаҳол

середня́чка *женск. к* **середня́к**

серёдь *нареч. уст. см.* **среди́**

серёжк||а *ж* 1. *см.* **серьга́**; 2. *бот.* гушворак *(гули баъзе дарахтҳо аз қабили бед, чормағз ва ғ.)*; **~и то́поля** гушворакҳои сафедор

серена́да *ж муз.* серенада (1. *суруди шабонаи табрикӣ дар назми асрҳои миёна* 2. *суруди бахшида ба маъшуқа дар Италия ва Испанияи қадим бо ҷӯрнавии гитара* 3. *ҳавое барои хондан ё навохтан дар мусиқии ҳозира)*

се́реньк||ий, -ая, -ое 1. *уменьш.-ласк. к* **се́рый** 1—4; **~ий денёк** рӯзи ҳавояш тира; **~ие стихи́** шеъри суст

сере́ть *несов.* 1. *(становиться серым)* хокистарранг шудан 2. *(виднеться — о сером)* хира-хира ба назар тофтан

сержа́нт *м воен.* сержант *(унвони ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи СССР ва дигар мамлакатҳо)*

сери́йность *ж* сериявӣ будан(и)

сери́йный, -ая, -ое сериявӣ

се́ристый, -ая, -ое *хим.* сулфурдор

се́рия *ж* 1. силсила; ~ **книг для дете́й** силсилаи китобҳо барои бачагон 2. серия; **о́пытная ~ станко́в** серияи озмунии дастгоҳҳо 3. серия; **но́мер и ~ па́спорта** рақам ва серияи паспорт 4. серия; **кинофи́льм в трёх ~х** кинофильм аз се серия иборат

сермя́га *ж* 1. *(грубое некрашеное сукно)* босма 2. *(одежда из такого сукна)* чакмани босма

сермя́жн||ый, -ая, -ое 1. ...и босма 2. *перен.* афсурдаҳол, бенаво, қашшоқ ✧ **~ая пра́вда** ҳаққи гап

се́рна *ж зоол.* нахчир, бузи кӯҳӣ

серни́ст||ый, -ая, -ое *хим.* гӯгирддор, ...и сулфит; **~ая кислота́** кислотаи сулфит

сернокисл́ый, -ая, -ое *хим.* ...и сулфат

се́рн||ый, -ая, -ое *хим.* ...и сулфат, гирдомез; **~ая кислота́** кислотаи сулфат

сероводоро́д *м хим.* сулфид

сероводоро́дный, -ая, -ое *хим.* ...и сулфид

серогла́зый, -ая, -ое (сероглаз, -а, -о) симобичашм

серозём *м* тирахок

серо́зн||ый, -ая, -ое *физиол.* 1. *(сывороточный)* ...и зардоб, ...и хуноба; **~ая жидкость** зардоба 2. *(увлажняемый сывороткой)* бо зардоб таршаванда

сероло́гия *ж мед.* серология, зардобшиносӣ

се́рость *ж* 1. одмиёнагӣ 2. бебунӣ, бебизоатӣ, бевиқорӣ

серп *м с.-х.* дос; **~ и мо́лот** досу болға ◇ **~ луны** ҳилол, моҳи нав

серпанти́н *м* 1. тасмаи коғаз 2. роҳи морпеч

серпента́рий *м* морхона *(парваришгоҳи махсуси морон барои ғирифтани заҳри онҳо)*

серпенти́н *м мин.* санги мор *(маъдани сабзранг)*

серпови́дный, -ая, -ое (серпови́д|ен, -на, -но) досмонанд, ба шакли дос

серпови́ще *с* досдаста, дастаи дос

серпоклю́в *м зоол.* доснул

серсо́ *с нескл.* серсо (1. *чанбаракбозӣ* 2. *асбобу анҷомҳои чанбаракбозӣ)*

сертифика́т *м* 1. *фин.* сертификат *(ҳуҷҷате, ки органҳои давлатӣ ба ивази қарзи гирифтаашон медиҳанд)* 2. *фин.* сертификат, шаҳодати пулӣ ◇ **~ о происхожде́нии** *торг.* сертификати баромади мол; **~ о ка́честве** *торг.* сертификати сифати мол

се́рум *м физиол.* серум, зардоб, хуноба

се́р||ый, -ая, -ое (сер, -а́, -о) 1. хокистариранг, хокистарӣ; **~ая бума́га** коғази хокистариранг; **~ые глаза́** чашмони симобиранг 2. *перен. разг.* одмиёна; **~ый писа́тель** нависандаи одмиёна 3. *перен.* бебун, бебизоат, бевиқор; **~ый челове́к** одами бевиқор 4. *перен.* хира, тира; **~ый день** рӯзи хира 5. *в знач. сущ.* **се́рый** *м (заяц)* харгуш; *(волк)* гург 6. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои ҳайвонӣ ва наботот:* **~ая у́тка** мурғобии ашҳабӣ

серьга́ *ж* 1. гушвора, ҳалқа, овеза; **золоты́е се́рьги** гушвораи тилло 2. *тех.* ҳалқа

серьёз: **на по́лном ~е** *прост.* ҷиддан, ба таври ҷиддӣ

серьёзничать *несов. разг.* худро ҷиддӣ гирифтан (вонамуд кардан)

серьёзно *нареч.* 1. ба таври ҷиддӣ, бо ҷиддият, ҷиддан 2. сахт; **он ~ заболе́л** вай сахт бемор шудааст 3. бе ҳазл, бе шухӣ; **он серьёзно обеща́л, что...** вай бе ҳазл ваъда додааст, ки... 4. *в знач. вводн. сл. разг.* ростӣ, ҳақиқатан; **~, я уста́л** ростӣ, ман хаста шудаам

серьёзность *ж* 1. *(строгость)* ҷиддӣ будан(и), ҷиддият 2. *(важность)* муҳиммӣ, муҳим будан(и) 3. *(тяжесть)* сахтӣ, вазнинӣ 4. *(выражение лица)* бодиққатӣ, бомулоҳизагӣ

серьёзн||ый, -ая, -ое (серьёз|ен, -на, -но) 1. ҷиддӣ, мулоҳизакор(она); **~ый ю́ноша** ҷавони мулоҳизакор; **~ое отноше́ние к де́лу** муносибати ҷиддӣ ба кор 2. муҳим, ҷиддӣ; **~ая пробле́ма** масъалаи муҳим 3. сахт, вазнин, хатарнок; **~ое заболева́ние** бемории сахт; **~ый моме́нт** вазъияти душвор 4. *(о лице)* босалобат; **~ый вид** қиёфаи босалобат

сессио́нн||ый, -ая, -ое ...и сессия; **~ое заседа́ние** маҷлиси сессия

се́ссия *ж* сессия; **~ Верхо́вного Сове́та СССР** сессияи Совети Олии СССР; **экзаменацио́нная ~** сессияи имтиҳонот

сестра́ *ж* 1. хоҳар, ҳамшира; **мла́дшая ~** хоҳари хурд; **двою́родная ~** духтари амак, духтари тағо, духтари хола, духтари амма; **сво́дная ~** хоҳари угай; **на́званая ~** хоҳархонд 2. *(в лечебном учреждении)* ҳамшира; ҳамшираи тиббӣ 3. *(монахиня)* роҳиба ◇ **~ милосе́рдия** *уст.* ҳамшираи шафқат; **на́ша (ва́ша) ~** *уст.* занҳои муштипар (бечора); **~-хозя́йка** вакилаи хоҷагӣ

сестрёнка *ж уменьш.-ласк. к* **сестра́** 1; хоҳарҷон, хоҳарак 2. *прост. обращ.* хоҳар, хоҳарҷон

сестри́ца *ж ласк. к* **сестра** 1, 2

сестри́чка *ж* 1. *ласк. к* **сестра́** 1, 2 *и к* **сестри́ца**; 2. *прост. обращ.* хоҳарҷон, хоҳарак

сесть *сов.* 1. нишастан, шиштан; **ся́дьте, пожа́луйста** марҳамат, шинед 2. савор шудан; **~ в трамва́й** ба трамвай савор шудан; **~ в самолёт** ба самолёт савор шудан 3. *за что и с неопр.* машғул шудан, шурӯъ кардан; **он сел за кни́гу** вай ба навиштани китоб шурӯъ кард; **они́ се́ли рабо́тать** онҳо ба сари кор нишастанд 4. *во что и без доп.* ҳабс (маҳбус) шудан 5. шиштан, фуру рафтан, ғуруб кардан; **со́лнце се́ло** офтоб ғуруб кард 6. *на что* нишастан; **самолёт сел на поля́ну** самолёт дар марғзор нишаст 7. нишастан, фуру рафтан; **фунда́мент сел** таҳкурсӣ фуру рафт 8. кутоҳ (танг) шудан; **пла́тье по́сле сти́рки се́ло** курта баъди шустан кутоҳ (танг) шудааст ◇ **~ в гало́шу** хандахариш шудан; **~ в лу́жу** шарманда шудан; **~ за решётку** ҳабс шудан; **~ на́ голову кому́-л.** ба гардани касе савор шуда гирифтан; **~ на дие́ту** парҳез кардан; **~ на ко́рточки** чорзону шиштан; **~ на мель** зору нотавон шудан; ба ҳолати душвор афтодан; **~ на скамью́ подсуди́мых** ба курсии сиёҳ (айбдорон) нишастан; **~ на ца́рство** ба тахти подшоҳӣ нишастан; **~ на ше́ю кому́-л.** ба гардани касе савор шудан; бори гарон шудан; **ни стать ни ~** сузан партоӣ — рост меистад

сет *м спорт.* пайт *(як пайти бозӣ дар теннис)*

сетево́й, -а́я, -о́е ...и шабака, шабакагӣ

се́тка I *ж* 1. тур, шабака; **~ от комаро́в** пашшахона 2. ҷадвал; **тари́фная ~** ҷадвали тариф 3. *(разлиновка клетками)* коғази катакдор 4. *(сумка)* турхалта 5. *спорт.* тур; **волейбо́льная ~** тури волейбол

се́тка II *ж анат.* ҳазорхона, ишканба

се́тование *с (по знач. гл.* **се́товать)** нолиш (шикоят, гила) кардан(и)

се́товать *несов.* 1. *на кого-что* нолиш (шикоят, шиква, гила) кардан, нолидан; **~ на судьбу́** аз тақдир шикоят кардан 2. *о ком-чём* афсӯс (таассуф) хурдан

се́ттер *м* сеттер *(як хел саги шикорӣ)*

сетча́тка *ж анат.* шабакия

сетчатокры́лые *мн.* (*ед.* **сетчатокры́лое** *с*) *зоол.* ҳашаротн тӯрканот

се́тчат||ый, -ая, -ое турӣ, тур-тур; **~ый узо́р** нақши тур-тур ◇ **~ая оболо́чка** *анат. см.* **сетча́тка**

сет||ь *ж* 1. тӯр, шабака; **рыболо́вная ~ь** тури моҳидорӣ; **ста́вить ~и** тур андохтан (партофтан) 2. *(совокупность путей, каналов и т. п.)* шабака; **железнодоро́жная ~ь** шабакаи роҳҳои оҳан; **~ь доро́г** шабакаи роҳҳо; **га́зовая ~ь** шабакаи газ 3. *(совокупность учреждений и т. п.)* муассисаҳо; **торго́вая ~ь** муассисаҳои савдо; **шко́льная ~ь** мактабҳо 4. *мн.* **се́ти** *перен.* завлона, ишкел, занҷир; дом; **~и ра́бства** завлонаи асорат; **попа́сть к кому́-л. в ~и** ба доми касе афтидан (гирифтор шудан); **расста́вить ~и кому́-л.** ба роҳи касе дом ниҳодан

се́ча *ж уст.* корзор, муҳориба; **крова́вая ~** муҳорибаи хунин

сече́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **сечь** I 1, 2) буридан(и), майда кардан(и); задан(и) 2. *(место разреза)* буриш, чок; **про́вод два миллиме́тра в ~и** сими буришаш ду миллиметр; **попере́чное ~е** буриши кӯндаланг ◇ **золото́е ~е** таносуби тилло; **ке́сарево ~е** *мед.* чоки қайсарӣ

се́чка *ж* 1. *(по знач. гл.* **сечь** 1) буридан(и), майда кардан(и); **~ ка́мня** майда кардани санг 2. *(для рубки капусты и т. п.)* кӯба(к), карамкӯбак, гушткубак, корди ош 3. *(рубленая солома с отрубями)* тарит 4. *(дроблёная крупа)* оқшок, ярма

сечь *несов.* 1. *кого-что* буридан, майда (пора) кардан; **~ мечо́м** бо теғ буридан; **~ ка́мень** санг майда кардан; **пови́нную го́лову меч не сечёт** *посл.* гардани хамро шамшер намебурад 2. *кого* задан, қамчинкорӣ кардан; **~ ро́згами** бо қамчин задан, қамчинкорӣ кардан 3. *(хлестать — о дожде и т. п.)* сахт боридан, сел барин боридан

Сечь *ж ист.* Сечь *(ҷамоати соҳибихтиёри казакҳои Украина дар асрҳои 16—18)*

се́чься *несов.* 1. *уст.* ҷанг (муҳориба) кардан 2. *(о волосах)* кафидан; шикастан 3. *(о тканях)* фит шудан, тор-тор шудан 4. *страд.* бурида шудан, майда карда шудан

се́ялка *ж с.-х.* сеялка *(мошини тухмпошӣ ё нурипошӣ)*; **тра́кторная ~** сеялкаи тракторӣ

се́яльщик *м с.-х.* тухмпош, тухмпошанда

сеяльщица *женск. к* **сеяльщик**
сеянец *м* растании кишта
сеяние *с* (*по знач. гл.* **сеять** 1—3) коштан(и), коридан(и), кишт кардан(и); бехтан(и), ғалбер кардан(и)
сеянка *ж* орди бехта
сеятель *м уст.* 1. тухмпош, барзгар, коранда 2. *перен.* паҳнкунанда; ~ **знаний** паҳнкунандаи дониш
сеять *несов. что* 1. коштан, коридан, кишт кардан, тухм пошидан; ~ **пшеницу** гандум коштан 2. *(просеивать)* бехтан, ғалбер кардан 3. *перен.* паҳн (пароканда) кардан; ~ **слухи** овоза паҳн кардан; ~ **вражду** тухми душманӣ коштан 4. *без доп. перен.* сим-сим боридан; **с неба сеял дождичек** аз осмон борон сим-сим меборид
сеяться *несов.* 1. *(о дожде, снеге)* сим-сим боридан; **сеялся мелкий дождь** борон сим-сим меборид 2. *разг. (сыпаться)* рехтан, пош хурдан 3. *страд.* кошта (корида) шудан
сжалиться *сов. над кем-чем* раҳм (дилсӯзӣ, раҳмхурӣ) кардан
сжарить *сов. кого-что прост.* бирьён кардан, зирбон(и)дан
сжариться *сов. прост.* 1. бирьён шудан, зирбон(и)да шудан 2. *(утомиться от жары)* аз гармӣ шалпар (лакот) шудан; аз гармӣ пухтан
сжатие *с* 1. *(по знач. гл.* **сжать** I 1, 2) фушурдан(и), фишор додан(и), фишор, тазьиқ; *(по знач. гл.* **сжаться** 1, 4) фушурда шудан(и); танг шудан(и), ба танг омадан(и) 2. *физ.* фушурдан(и), тазьиқ; ~ **воздуха** фушурдани (тазьиқи) ҳаво
сжатость *ж* 1. фушурдагӣ; зичӣ, ғафсӣ 2. *перен.* маҳдуд будан(и), кам будан(и), мухтасарӣ, кутоҳӣ 3. *физ.* фушурдагӣ
сжат||ый I, -ая, -ое 1. *прич.* фушурдашуда, тазьиқ кардашуда 2. *прил.* мухтасар, кутоҳ; ~**ое изложение** баёноти мухтасар; **в ~ые сроки** дар муддати кутоҳ 3. *прил. физ.* тазьиқӣ; ~**ый воздух** ҳавои тазьиқӣ
сжатый II, -ая, -ое *прич., прил.* даравида, даравидашуда; ~ **ячмень** ҷави даравидашуда
сжать I *сов.* 1. *кого-что* фушурдан, фишор додан, тазьиқ кардан; ~ **кулаки** муштҳоро фушурдан; ~ **в объятиях** сахт ба оғӯш кашидан 2. *что перен.* ба танг овардан, сахт таъсир кардан; **тоска сжала сердце** ғусса дилро ба танг овард 3. *что перен.* мухтасар (кутоҳ, маҳдуд) кардан; ~ **сроки выполнения работы** муддати иҷрои корро кутоҳ кардан 4. *физ.* фушурдан; ~ **воздух** ҳаворо фушурдан
сжа||ть II *сов. что с.-х.* даравидан, дарав кардан, даравида тамом кардан; **пшеницу уже ~ли** гандумро аллакай даравида тамом карданд
сжа||ться *сов.* 1. фушурда шудан, фишор хурдан, тазьиқ ёфтан; **пальцы ~лись** ангуштҳо фушурда шуданд 2. *физ.* фушурда шудан 3. *перен.* дарҳам кашида шудан, ба худ печидан; ~**ться от холода** аз хунукӣ ба худ печидан 4. *перен.* танг шудан, ба танг омадан; **сердце ~лось от боли** аз дард дилам ба танг омад
сжевать *сов. что* хоидан, хоида тамом кардан
сжечь *сов. кого-что* сухтан, сузондан; ~ **все дрова** тамоми ҳезумро сухтан; ~ **лепёшку** пушти нонро сузондан; ~ **спину на солнце** тахтапуштро дар офтоб сузондан ◇ ~ **[свой] корабли**, ~ **мосты** ба роҳи бебозгашт даромадан
сжечься *сов.* худро сузондан *разг.* сухтан; ~ **на солнце** дар офтоб худро сухтан
сживать *несов. см.* **сжить**
сживаться I *несов. см.* **сжиться**
сживаться II *несов. страд.* ронда шудан
сжигание *с* (*по знач. гл.* **сжечь**) сухтан(и) ◇ **ядерное** ~ афрузиши ядрой
сжигать *несов. см.* **сжечь**
сжигаться *несов.* 1. *см.* **сжечься**; 2. *страд.* сузонда шудан
сжиди||ться *сов. тех.* обакӣ (моеъ) шудан, тунук (шуррут) шудан; **газ ~лся** газ моеъ шуд
сжижать *несов. что* обакӣ (моеъ) кардан, тунук (шуррут) кардан
сжижаться *несов.* 1. *см.* **сжидиться**; 2. *страд.* обакӣ (моеъ) карда шудан
сжижение *с* (*по знач. гл.* **сжижать**) моеъ кардан(и), шуррут кардан(и); (*по знач. гл.* **сжидиться**) моеъ шудан(и), шуррут шудан(и); ~ **газа** моеъ шудани газ
сжиженный, -ая, -ое моеъ; ~ **газ** гази моеъ
сжимаемость *ж физ.* фушурдашавандагӣ; ~ **газов** фушурдашавандагии газҳо
сжимание *с* (*по знач. гл.* **сжать** I 1) фушурдан(и), фишор додан(и); (*по знач. гл.* **сжаться** 1) фушурда шудан(и), фишор хурдан(и)
сжимать *несов. см.* **сжать** I
сжиматься *несов.* 1. *см.* **сжаться**; 2. *страд.* фушурда шудан
сжинать *несов. см.* **сжать** II
сжить *сов. кого-что прост.* рондан, ҳай кардан ◇ ~ **со света** *кого* ба асфалуссофилин фиристодан
сжиться *сов. разг.* 1. *с кем-чем* дуст шудан, унс гирифтан 2. *с чем перен.* одат кардан, омухта шудан, ху гирифтан; ~ **с мыслью** ба фикре розӣ шудан
сжульничать *сов. разг.* қаллобӣ (фиребгарӣ) кардан
сзади 1. *нареч.* аз қафо, аз пас, дар қафо, дар ақиб; **подкрасться** ~ аз қафо ноаён омадан 2. *предлог с род.* аз қафои..., дар қафои..., дар ақиби...; **кто-то стоял ~ его** касе дар қафои у истод
сзывать *несов. см.* **созвать**
сзываться *несов. страд.* даъват карда шудан, чеғ зада шудан
си *с нескл. муз.* си (*нотаи ҳафтуми гаммаи мусиқӣ*)
сибарит *м* танпарвар, ишратдуст
сибаритка *женск. к* **сибарит**
сибаритский, -ая, -ое ...и танпарвар, ...и ишратдуст
сибаритство *с* танпарварӣ, ишратдустӣ
сибаритствовать *несов.* танпарварӣ кардан, ишратдустӣ карда гаштан
сибирка *ж* 1. *уст.* сибирка (*камзули мардонаи русӣ, ки аз матои дурушт медухтанд*) 2. *уст. прост.* зиндон 3. *разг. см.* **сибирский (сибирская язва)**
сибирск||ий, -ая, -ое ...и Сибирь, сибирӣ; ~**ая тайга** тайгаи Сибирь ~**ая язва** *мед., вет.* сухтанӣ
сибиряк *м* аҳли Сибирь
сибирячка *женск. к* **сибиряк**
сиветь *несов.* сафед (муйсафед) шудан
сивка *м, ж*, **сивко** *м разг.* аспи кабуд
сиводушка *ж* алорубоҳ; кимол (*рубоҳе, ки дурагаи рубоҳи зарду рубоҳи ашҳабӣ мебошад*)
сиволапый, -ая, -ое (сиволап, -а, -о) *уст. прост.* бадкор, бадху; нобакор
сивуха *ж* сивуха, арақи дастии галлагӣ
сивуч *м зоол.* сивуч, тюлени гушкалон
сивушн||ый, -ая, -ое ...и сивуха, ...и арақи дастии ғаллагӣ; ~**ый запах** буи сивуха; ~**ое масло** равғани сивуха
сив||ый, -ая, -ое (сив, -а, -о) 1. хокистарранг; кабуд; **конь ~ой масти** аспи кабуд 2. *прост.* сафед, муйсафед; ~**ые усы** мӯйлаби сафед, бурути муйсафед ◇ **врёт как ~ый мерин** *прост.* руйрост дуруғ мегуяд; **глуп как ~ый мерин** *прост.* аҳмақи гузарост
сиг *м зоол.* гулмоҳича
сигануть *сов. однокр. к* **сигать**
сигара *ж* сигара
сигарета *ж* сигарета
сигаретн||ый, -ая, -ое ...и сигарета; ~**ая бумага** коғази сигарета
сигарный, -ая, -ое ...и сигара; ~ **табак** тамокуи сигара
сигарочница *ж* куттии сигара, сигардон
сигать *несов. прост.* 1. частухез кардан 2. давутоз (давуғеч) кардан
сигнал *м* 1. бонг, ишорат, аломат, сигнал; ~ **бедствия** бонги хатар 2. *перен.* огоҳӣ, хабар; **серьёзный** ~ огоҳии ҷиддӣ 3. *разг. полигр.* нусхаи аввалини чопӣ
сигнализатор *м тех.* сигналдиҳак
сигнализаци||я *ж* 1. (*по знач. гл.* **сигнализировать**) сигнал додан(и); **средства ~и** воситаҳои сигналдиҳӣ 2. сигналдиҳӣ; **автоматическая ~я** сигналдиҳии автоматӣ 3. сигналҳо; **железнодорожная ~я** сигналҳои роҳи оҳан
сигнализировать *сов., несов.* 1. сигнал додан; ~ **флажками** бо байрақчаҳо сигнал додан; ~ **о приближении поезда** аз наздик шудани поезд сигнал додан 2. *перен.* огоҳонидан, огоҳ кардан, хабар додан; ~ **о неполадках** норасоиҳоро хабар додан
сигнализироваться *несов. страд.* сигнал дода шудан

сигнальн||ый, -ая, -ое ...и сигнал; ...и сигналдиҳӣ; **~ый фонарь** фонуси сигналдиҳӣ; **~ый пост** пости сигналдиҳӣ ◊ **~ый экземпляр** *полигр.* нусхаи аввалини чопӣ; **вторая ~ая система** *системаи дуюми сигналӣ*

сигнальщик *м* сигналдиҳанда

сигнатура *ж* 1. *фарм.* нусха 2. *полигр.* рақами ҷузъбандӣ

сигнатурный, -ая, -ое 1. *фарм.*, ...и нусха 2. *полигр.* ...и рақами ҷузъбандӣ

сиделец *м уст.* гумошта

сиделка *ж* занаки касалбон

сидение *с* (*по знач. гл.* **сидеть** 1—4) нишастан(и), нишаст; маҳбус будан(и); машғул будан(и)

сид||ень *м*: **~нем сидеть** *разг.* 1) ноҷунбон шиштан, мехкуб шуда шиштан 2) хонанишин будан, хонанишинӣ кардан

сиденье *с* нишастгоҳи курсӣ

сидеть *несов.* 1. нишастан, шиштан; **~ на скамье** дар харак нишастан; **~ в седле** болои зин нишастан 2. будан, истодан, нишастан; **~ дома** дар хона будан (нишастан); **~ в гостях** дар меҳмонӣ будан; **~ без дела** бекор нишастан; **лодка сидит на мели** заврақ дар ҷои пасти об дармондааст; **~ под арестом** маҳбус будан 3. будан, мондан; **~ без хлеба** бе нон мондан; **~ без денег (без гроша)** бе пул мондан; **~ без помощи** муҳтоҷи ёрӣ будан; **~ на диете** парҳез доштан; **~ над уроками** машғули дарстайёркунӣ будан 4. (*об одежде*) шинам будан; **пальто на нём сидит хорошо** пальтоаш шинам аст ◊ **~ как на иголках** орому қарор надоштан; **~ на бобах** *прост.* ду даст дар бинӣ мондан; **~ на мели** зору нотавон мондан; **~ на хлебе и воде** нимсеру нимгурусна зиндагӣ кардан; санги қаноат ба шикам бастан; **~ на чемоданах** рахти сафар бастан; **~ на шее (на горбу) у кого-л.** ба гардани касе савор шудан; **~ на яйцах** тухм зер кардан; **~ над душой** *чьей, у кого* ба ҷон расондан, безор кардан; **~ сложа руки** бекор нишастан, даст ба киса зада гаштан; **~ у моря, ждать погоды** *ирон. погов.* ≈ ба умеди фардо будан

сидеться *несов. безл. кому* (*с отрицанием*): **ему не сидится** вай орому қарор надорад; **ей не сидится дома** у майли дар хона нишастан надорад

сидмя *нареч.*: **~ сидеть** *см.* **сидень**

сидоров, -а, -о: **драть (лупить) как ~у козу** мурданивор (бераҳмона) задан

сидр *м* шароби себ

сидяч||ий, -ая, -ее 1. нишаста, ...и нишастан; **он уснул в ~ем положении** вай дар ҷои нишастааш ба хоб рафт 2. *перен.* камҳаракат; **~ий образ жизни** зиндагии камҳаракат 3. *разг.* ...и нишаст(ан); **~ие места** ҷои нишаст ◊ **~ая забастовка** корпартоии шиштакӣ

сие *см.* **сей**

сиена *ж* зангбаста (*ранги тираи чигаритоб; номаш аз Сиена ном шаҳри Италия*)

сижива||ть *несов. разг. многокр. к* **сидеть**; **вечерами они ~ли дома** шабҳо онҳо дар хона менишастанд; **ему случалось целыми ночами ~ть за работой** баъзан тамоми шаб нишаста кор *мекард*

сизарь *м* варашон

сизеть *несов.* 1. (*становиться сизым*) кабуд шудан 2. (*виднеться — о сизом*) кабуд тофтан

сизифов, -а, -о: **~ труд** меҳнати сизифӣ (*аз номи қаҳрамони асотири Юнони Қадим подшоҳи Коринф — Сизиф, ки худоёнро фиреб дода ду маротиба аз дасти аҷал раҳо ёфт ва барои ин шаккокиаш уро маҳкум карданд, ки то рузи қиёмат дар охират сангеро болои теппа тела дода барорад ва ҳамин, ки санг боло баромад боз ғелида мефаромад; маҷозан кори беҳудаву миёншикан*)

сизоворонка *ж зоол.* кӯккарға

сизокрылый, -ая, -ое кабудбол, кабудқанот; **~ голубок** кабӯтари кабудбол

сизый, -ая, -ое (сиз, -а, -о) кабуд, кабудранг; **~ голубь** кабӯтари кабуд; **~ дымок** дуди кабуд

сий *мест. мн. от* **сей**

сикомор *м бот.* тутанҷир (*навъе аз дарахти тут*)

сил||а *ж* 1. қувва, қувват, зур, иқтидор, қудрат; тавоноӣ; **физическая ~а** қувваи ҷисмонӣ; **~а рук** зӯри бозу; **знание — ~а** доноӣ—тавоноист; **лишиться сил** аз қувват мондан; **набраться сил** иқтидор пайдо кардан; **обладать огромной ~ой** қувваи бузург доштан 2. зур, зурӣ, зулм, фишор; **применить ~у** зурӣ кардан; **действовать ~ой** зурӣ (зулм) ба кор бурдан 3. *физ., тех.* қувва; **~а тяжести** қувваи вазнинӣ; **~а притяжения** қувваи ҷозиба; **~а света** қувваи рушноӣ 4. қувва, дараҷа; **~а воли** қувваи ирода; **~а таланта** дараҷаи истеъдод; **~а ума** қувваи ақл 5. қувва, иқтидор; **творческие ~ы** қувваи эҷодӣ 6. таъсир, эътибор, нуфуз; **~а печатного слова** таъсири матбуот; **великая ~а идей ленинизма** таъсири бузурги ғояҳои ленинизм; **он имеет ~у** вай нуфуз дорад 7. *чаще мн.* **силы** қувваҳо; **производительные ~ы** *эк.* қувваҳои истеҳсолкунанда; **революционные ~ы** қувваҳои революционӣ; **~ы демократии и мира** қувваҳои демократия ва сулҳ; **~ы национального освобождения** қувваҳои миллии озодихоҳӣ; **~ы социализма** қувваҳои социализм 8. *разг.* аҳамият, моҳият; **~а его работы в её новизне** аҳамияти кори у дар нав будани он аст 9. *мн.* **силы** (*войска*) қувваҳо; **вооружённые ~ы** қувваҳои мусаллаҳ; **морские ~ы** қувваҳои баҳрӣ 10. эътибор; **постановление вошло в ~у** қарор эътибор пайдо кардааст; **закон потерял ~у** қонун эътибори худро гум кардааст; **оставить в ~е** *юр.* боэътибор шумурдан, ҳақиқӣ донистан 11. *чаще мн.* **силы** қувва, қувваҳо; **соотношение классовых сил** таносуби қувваҳои синфӣ 12. *в знач. нареч.* **силами** бо иштироки...; бо қувваи...; **концерт ~ами учащихся** концерт бо иштироки талабагон ◊ **сил нет как** (*до чего*)... аз ҳад зиёд, хеле; **~ою (в ~у) вещей** бо тақозои шароит (вазъият); **в ~ах** қобил (қодир) будан; **не в ~ах** имконият надоштан, қодир набудан; **в ~у** бинобар ..., ба сабаби...; **в ~у привычки** аз рӯи одат; **во цвете сил** дар авҷи камол; **всеми ~ами** бо тамоми ҷидду ҷаҳд; **изо всех сил, изо всей ~ы** бо тамоми қудрат; **никакими ~ами** ба ҳеҷ ваҷҳ; **от ~ы** (*самое большее*) бисёр бошад; **по ~ам** алоқадри ҳол; **это дело ему не по ~ам** ин кор аз иқтидори вай берун аст; **не под ~у** *кому* қувваташ (зураш) намерасад; **под ~у** зур мерасад, мувофиқ; **через ~у** зӯрбазӯракӣ; **что есть ~ы, что было сил** бо тамоми қуввват; **лошадиная ~а** *физ.* қувваи асп; **нечистая ~а** *уст. прост.* дев, ҷин, аҷина; **собраться с ~ами** шердил шудан

силач *м* одами зур, паҳлавон

силачка *женск. к* **силач**

силикатн||ый, -ая, -ое *мин., хим., тех.* ...и силикат, ...и истеҳсоли силикат; **~ый кирпич** хишти силикат; **~ая промышленность** саноати истеҳсоли силикат

силикаты *мн.* силикат (*ҷинси маъмули қишри Замин; намаки кислотаҳои метасилиций ва ортосилиций; ашёи хом барои истихроҷи маъданҳои гуногун*)

силикоз *м мед.* силикоз (*касалии касбии кӯҳканҳо*)

сили||ться *несов. с неопр. разг.* зур задан, кӯшиш (саъй) кардан; **он ~лся встать** вай зур мезад, ки хезад

силиций *м хим.* силиций

силком *нареч. прост.* зуран, маҷбуран, ҷабран

силлабический, -ая, -ое *лит.* ҳиҷоӣ; **~ стих** шеъри ҳиҷоӣ

силлабо-тоническ||ий, -ая, -ое *лит.* ҳиҷоию заданок; **~ая система стихосложения** вазни ҳиҷоию заданок

силлогизм *м филос.* қиёс

силлогический, -ая, -ое *филос.* ...и қиёс

силов||ой, -ая, -ое ...и қувва; **~ые упражнения** *спорт.* машқҳои зурталаб ◊ **~ая станция** станцияи электрикӣ

силой *нареч. разг.* зуран, маҷбуран, ҷабран; **~ заставить сделать что-л.** зӯран коре кунондан

сил||ок *м* дом, тала, тузоқ, чина; **расставить ~ки** дом ниҳодан; **поймать в ~ки** ба дом афтоидан

силомер *м* қуввасанҷ

силос *м с.-х.* силос

силосн||ый, -ая, -ое ...и силос; **~ая башня** манораи силос; **~ая яма** чоҳи силосхобонӣ

силосование *с* (*по знач. гл.* **силосовать**) силос кардан(и), силос тайёр кардан(и), силосхобонӣ, силос хобондан(и)

силосовать *сов., несов. что с.-х.* силос кардан, силос тайёр кардан, силос хобондан

силосоваться *несов.* 1. силос шудан 2. *страд.* силос карда шудан

силосорезка *ж с.-х.* мошини силосрезакунӣ, силосрезакунак

силосоуборочный, -ая, -ое ...и силосғундорӣ

силою *см.* **силой**

силуэт *м* 1. тарҳ 2. *перен.* суроб; **~ы гор** суроби кӯҳҳо

силуэтный, -ая, -ое ...и тарҳ, ...и суроб, ...и шакл

сильно *нареч.* 1. бо зур, бо қувват, бо шиддат, сахт; **~ ударить** сахт задан 2. *перен.* хеле дуруст, пуртаъсир; **~ написано** хеле дуруст навишта шудааст 3. *разг.* хеле, бисьёр, ниҳоят, сахт; **у меня ~ болит голова** сарам сахт дард мекунад

сильнодействующ||ий, -ая, -ее пурзӯр, пуртаъсир; **~ее средство** воситаи пуртаъсир

сильн||ый, -ая, -ое (силен *и* силён, -ьна, -ьно) 1. зур, пурзӯр, пурқувват, бақувват, қави; **~ые руки** дастҳои бақувват; **~ый человек** одами зур; **~ый двигатель** муҳаррики пурқувват 2. қавирух, қавиирода; **~ый характер** одами қавиирода; **~ая натура** одами қавиирода 3. боиқтидор, тавоно, пурзур, муқтадир; **~ое государство** давлати тавоно; **~ый флот** флоти пурзур // бонуфуз; **~ые люди** одамони бонуфуз; **~ые мира сего** *ирон.* соҳибнуфузон, чаҳондорон 4. сахт, шадид; **~ый ветер** шамоли сахт; **~ый мороз** сармои шадид; **~ый голод** гуруснагии тоқатфарсо // *(о чувствах)* тавоно, шадид, амиқ; **~ое желание** орзуи тавоно; **~ое впечатление** таассуроти амиқ; **~ая антипатия** адовати шадид 5. пуртаъсир; **~ое лекарство** доруи пуртаъсир; **~ый яд** заҳри қотил // *перен.* пуртаъсир, муътабар; **~ая речь** нутқи пуртаъсир; **~ое доказательство** бурҳони қотеъ 6. доно, моҳир, боистеъдод; **~ый актёр** актёри моҳир; **~ый студент** студенти доно; **он в математике не силён** ӯ ҳисобро нағз намедонад ◇ **~ый пол** мардон; **~ая рука** пуштибони боэътимод; **~ая сторона** ҷиҳати мусбат

сим 1. *тв. от* **сей, сие**; 2. *дат. от* **сии**

симбиоз *м биол.* симбиоз *(якҷоя зиндагӣ кардани ду ё якчанд организм, ки ба ҳамдигар фоида мерасонанд)*

символ *м* рамз, аломат, нишона; **голубь — ~ мира** кабӯтар рамзи сулҳ аст

символизация *ж* бо рамз (бо аломат) ифода кардан(и)

символизир||овать *сов., несов. что* рамз будан; **серп и молот ~уют союз рабочих и крестьян** досу болға рамзи иттифоқи коргару деҳқон мебошад

символизм *м* 1. *см.* **символика**; 2. *лит., иск.* символизм *(равияест дар санъати Европа ва Россияи солҳои 1870—1910, ки бо рамз инъикос кардани ҷиҳатҳои берун аз доираи эҳсосотро мақсади асосии худ қарор дода буд)*

символика *ж* 1. маънои (мафҳуми) рамзӣ 2. *собир.* рамзҳо, аломатҳо, нишонаҳо

символист *м* символист, пайрави символизм

символистический, -ая, -ое *см.* **символический**

символический, -ая, -ое 1. рамзӣ; **~ жест** ишораи рамзӣ 2. *лит.* ...и символизм, ...и символист

символичность *ж* рамзӣ будан(и); **~ изображения** рамзӣ будани тасвир

символичный, -ая, -ое (символич|ен, -на, -но) *см.* **символический**

сими *тв. от* **сии**

симментальский, -ая, -ое симменталӣ; **~ скот** чорпои симменталӣ

симметрический, -ая, -ое *см.* **симметричный**

симметричность *ж* мутаносибӣ, ботаносуб будан(и), ботаносубӣ

симметричный, -ая, -ое (симметрич|ен, -на, -но) мутаносиб, ботаносуб, таносубдор; **~ узор** нақши ботаносуб

симметри||я *ж* симметрия, таносуб, мутаносибӣ; **соблюдать ~ю** ба таносуб риоя кардан

симпатизир||овать *несов. кому-чему* ҳусни таваҷҷуҳ доштан, хайрхоҳ будан, нағз дидан; **они не ~уют друг другу** онҳо ҳамдигарро нағз намебинанд

симпатическ||ий, -ая, -ое 1. *уст. см.* **симпатичный**; 2. *мед., физиол.* эҳсосӣ, ҳиссӣ; **~ое средство** давои эҳсосӣ; **~ая нервная система** системаи эҳсосии асабҳо ◇ **~ие чернила** сиёҳии сирнок *(сиёҳие, ки рангаш баъд аз гарм кардани коғаз ё баъд аз тар намудани он бо моеи махсус пайдо мешавад)*

симпатичность *ж* дилчасп (дилнишин) будан(и)

симпатичн||ый, -ая, -ое (симпатич|ен, -на, -но) дилчасп, дилнишин, ҷозиб, дӯструй, ситорагарм; **~ые люди** одамони дилчасп; **~ый домик** *разг.* хоначаи зебо

симпати||я *ж* 1. таваҷҷуҳ, ҳусни таваҷҷуҳ, хайрхоҳӣ; **чувствовать ~ю к кому-л.** нисбат ба касе ҳусни таваҷҷуҳ доштан; **он завоевал всеобщую ~ю** вай ҳусни таваҷҷуҳи умумро пайдо кард 2. *перен. прост.* дустдошта, ҳабиб, маъшуқ, маъшуқа; **эта девушка — его ~я** ин духтар маҳбубаи уст

симпатяга *ж разг.* дилрабо, дилчасп

симпозиум *м* симпозиум

симптом *м* 1. *мед.* аломат, нишона 2. *книжн.* падида, зуҳурот

симптоматический, -ая, -ое 1. *мед.* эҳсосӣ 2. *книжн.* ...и падида

симптоматичный, -ая, -ое (симптоматич|ен, -на, -но) *см.* **симптоматический**

симулировать *сов., несов. кого-что и без доп.* худро ... вонамуд кардан, худро ба ... задан, сохтакори (муғамбирӣ) кардан; **~ потерю речи** худро гунг вонамуд кардан

симулянт *м* сохтакор, муғамбир

симулянтка *женск. к* **симулянт**

симуляция *ж* сохтакорӣ, муғамбирӣ, вонамуд кардан(и)

симфоническ||ий, -ая, -ое *муз.* симфонӣ, ...и симфония; **~ий оркестр** оркестри симфонӣ; **~ая музыка** мусиқии симфонӣ

симфония *ж* 1. *муз.* симфония *(асари бузурги мусиқӣ барои оркестр)*; **Седьмая ~ Шостаковича** Симфонияи ҳафтуми Шостакович 2. *перен. (единое целое)* маҷмуъ; **~ красок** маҷмуи рангҳо

синагога *ж* каниса *(ибодатхонаи яҳудиён)*

сингармонизм *м лингв.* сингармонизм *(ҳамоҳангии овозҳои садоноки калима)*

сингармонический, -ая, -ое *лит.* ...и сингармонизм, сингармонӣ

синдикализм *м полит.* синдикализм *(ҷараёни майдабуржуазии оппортунисти дар ҳаракати байналхалқии коргарӣ, ки мубориза и иқтисодиро ягона роҳи ба социализм расидан мешуморад)*

синдикалист *м полит.* синдикатчӣ, пайрави синдикализм

синдикалистка *женск. к* **синдикалист**

синдикалистский, -ая, -ое ...и синдикализм; ...и синдикатчӣ

синдикат *м* синдикат *(1. эк. дар мамлакатҳои капиталистӣ навъе аз ширкатҳои монополистӣ 2. эк. дар СССР дар давраи аввали нэп — ташкилотҳои хоҷагӣ, ки якчанд гурӯҳи трестҳоро муттаҳид* мекард 3. *номи иттифоқи касаба дар Франция ва дар баъзе мамлакатҳои дигар)*

синдикатный, -ая, -ое ...и синдикат

синдицировать *сов., несов. что эк.* синдикат кардан, дар синдикат муттаҳид кардан

синдром *м мед.* аломот

синева *ж* кабудӣ; **~ моря** кабудии баҳр ◇ **у неё ~ под глазами** зери чашмҳояш кабуд аст

синеглазый, -ая, -ое (синеглаз, -а, -о) кабудчашм

синедрион *м* 1. анҷуман *(шӯрои калонҳо дар Байтулмуқаддаси асрҳои 3—1 то милод)* 2. додгоҳ *(суди олӣ дар Яҳудияи асри 1)* 3. *шутл. (сборище)* ҷаласа

синекдоха *ж лит.* маҷози мурсал *(воситаи услубиест дар назм ва наср, ки ба ҷои кулл ҷуз, ба ҷои том ҳисса ва м. ин кор фармуда мешавад, мас. «риш» ба ҷои «одами ришдор»)*

синекура *ж книжн.* мансаби сердаромади камташвиш

синеть *несов.* 1. *(становиться синим)* кабуд шудан 2. *(виднеться — о синем)* кабуд тофтан

син||ий, -яя, -ее (синь, синя, сине *и уст.* синё) 1. кабуд, нилобӣ; **~ее небо** осмони кабуд; **~яя бумага** коғази кабуд; **~е море** *фольк.* баҳри кабуд 2. *(о коже)* кабуд, кабудшуда; **~ие от холода руки** дастони аз таъсири сармо кабудшуда ◇ **~яя птица** мурғи толеъ;

~ий чулок *пренебр.* занаки мардтабиат (мардфеъл)

синильн||ый I, -ая, -ое: ~**ая кислота** *хим.* кислотаи синили *(як навъ заҳри ҳалоҳил)*

синильный II, -ая, -ое ...и кабудкунӣ, ...и рангрезӣ; ~ **чан** чалаки рангрезӣ

синить *несов. что* 1. *(красить)* кабуд (нилӣ) кардан 2. *(полоскать в подсинённой воде)* синька задан

синица *ж* фотимачумчуқ, момоҷурғотӣ

синклит *м* 1. *ист.* синклит *(маҷлиси намояндагони ҳокимияти олӣ дар Юнони Қадим)* 2. *перен. ирон.* издиҳом

синкопа *ж* 1. *муз.* таҳвил 2. *лингв.* тахфиф

синкретизм *м* синкретизм (1. *иск.* *аз ҳам ҷудо нашавандагии навъҳои санъат* 2. *филос. якҷоя кардани назария ва фикрҳои ба ҳам зид)*

синкретический, -ая, -ое ...и синкретизм

синод *м церк.* синод *(шурои олии калисо)*

синодальный, -ая, -ое *церк.* ...и синод

синолог *м* хитойшинос

синологический, -ая, -ое ...и хитойшиносӣ

синология *ж* хитойшиносӣ

синоним *м лингв.* синоним, муродиф

синонимика *ж лингв.* синонимика (1. *қисми лексикология, ки синонимҳоро меомузад* 2. *маҷмуи синонимҳои ягон забон)*

синонимическ||ий, -ая, -ое *лингв.* ...и синоним, ...и муродиф, ҳаммаъно; ~**ие выражения** ибораҳои ҳаммаъно

синонимичность *ж лингв.* ҳаммаъно будани; ~ **выражений** ҳаммаъно будани ибораҳо

синонимичный, -ая, -ое (синонимич|ен, -на, -но) *см.* **синонимический**

синонимия *ж лингв.* синонимия *(маънан як будани калимаҳо бо вуҷуди лафзан фарқ доштани онҳо)*

синоптик *м* синоптик *(мутахассисе, ки обу ҳаворо пешгуӣ мекунад)*

синоптика *ж метео* синоптика *(тартиб додани маълумотҳои синоптикӣ)*

синоптическ||ий, -ая, -ое *метео* синоптикӣ, ...и синоптика; ~**ая карта** харитаи синоптики

синтагма *ж лингв.* синтагма

синтаксис *м лингв.* синтаксис, наҳв

синтаксический, -ая, -ое синтаксисӣ, ...и синтаксис, наҳвӣ, ...и наҳв; ~ **разбор предложения** таҳлили синтаксисии ҷумла

синтез *м* синтез; ~ **белка** синтези сафеда; ~ **химических соединений** синтези пайвастҳои химиявӣ; **микробиологический** ~ синтези микробиологи; **ядерный** ~ синтези ядро

синтезирование *с (по знач. гл.* **синтезировать)** синтез кардан(и), ҷамъбаст кардан(и)

синтезировать *сов., несов. что* 1. синтез кардан, ҷамъбаст кардан, хулоса баровардан 2. *хим.* синтез кардан

синтезироваться *несов. страд.* синтез карда шудан

синтетическ||ий, -ая, -ое синтетики, ...и синтез; ~**ий метод исследования** усули синтетикии таҳқиқ; ~**ий процесс** процессии синтез; ~**ие массы** моддаҳои синтетики

синтоизм *м* синтоизм *(дини қадимии Япония, ки ба парастиши ниёгон асос ёфтааст)*

синус *м анат.* синус

синхронизатор *м тех.* синхронизатор

синхронизационный, -ая, -ое *тех.* ...и синхронизация, синхронизационӣ

синхронизация *ж тех.* синхронизация *(аз ҷиҳати вақт комилан мувозӣ кардани тағйироти ду ё якчанд амал)*

синхронизировать *сов., несов. что тех.* синхронизация кардан; ~ **работу механизмов** кори механизмҳоро синхронизация кардан

синхронизм *м книжн.* синхронизм *(мутобиқати ду ё чандин ҳодиса аз ҷиҳати замон)*

синхронический, -ая, -ое *книжн.* синхронӣ, яквақта

синхрония *ж* 1. *см.* **синхронизм**; 2. *лингв.* синхрония *(мутобиқат ва вобастагии ҳодисаҳои забон дар давраи муайяни инкишофи он)*

синхронно *нареч.* ба таври синхронӣ; **двигатели работают** ~ муҳаррикҳо ба таври синхронӣ кор мекунанд

синхронность *ж книжн. и тех.* синхроният; ~ **работы двигателей** синхронияти кори муҳаррикҳо

синхронн||ый, -ая, -ое синхронӣ, мусовӣ, яквақта; ~**ый двигатель** *тех.* муҳаррики синхронӣ; ~**ый перевод** тарҷумаи синхронӣ; ~**ое плавание** обббозии синхронӣ; ~**ые прыжки** *спорт.* ҷаҳишҳои синхронӣ

синхротрон *м* синхротрон *(дастгоҳи суръатфизои электронҳо)*

синхрофазотрон *м* синхрофазотрон *(дастгоҳи суръатфизои протонҳо)*

синхроциклотрон *м* синхроциклотрон *(дастгоҳи суръатфизои зарраҳои вазнини заряднок)*

синь *ж* 1. *см.* **синева**; 2. *уст. жив.* *(синяя краска)* ранги кабуд (нилобӣ, нилӣ) ◇ **ни** ~ **(синя) пороха нет (не осталось)** ному нишон намонд, ҳеҷ чиз (осоре) намонд

синька *ж* 1. *(по знач. гл.* **синить)** кабуд кардан(и); синьказанӣ 2. синька *(ранг барои кабуд кардани ҷомашӯиҳо)* 3. коғази кабуди нусхагирӣ

синьор *м* синьор *(тарзи муроҷиати боодобона ба мард дар Италия)*

синьора *ж* синьора *(тарзи муроҷиати боодобона ба зан дар Италия)*

синьорина *ж* синьорина *(тарзи муроҷиати боодобона ба духтар дар Италия)*

синюха *ж* 1. *бот.* кабудагулак *(як хел алафи бегонаи чандинсола)* 2. *мед.* кабудшавии пуст *(аз баъзе дардҳои дил)*

синюшность *ж мед.* кабудпуст (кабудтоб) будан(и)

синюшн||ый, -ая, -ое *мед.* кабудпуст, кабудтоб; ~**ое лицо** руи кабудтоб

синяк *м* доғи кабуд, доғи латма; **у него на руке** ~ дар пусти дасти у доғи кабуд хаст ◇ **у него (у неё)** ~**и под глазами** таги чашмаш кабуд

сионизм *м полит.* сионизм *(равияи иртиҷоии буржуазии яҳудиён, ки дар баъзе мамлакатҳои европоӣ дар охири асри 19 пайдо шуд)*

сионист *м* сионист, пайрави сионизм

сионистский, -ая, -ое ...и сионизм, сионистӣ, ...и сионист, ...и пайрави сионизм

сип I *м зоол.* лошахур

сип II *м см.* **сипение**

сипение *с (по знач. гл.* **сипеть)** бо овози гирифта гап задан(и); хир-хир кардан(и); *(звуки)* хир-хир, хиррос

сип||еть *несов.* 1. бо овози гирифта гап задан 2. хир-хир кардан, хиррос задан; **самовар** ~**ит** самовор хир-хир мекунад

сиплость *ж* гирифтагии (хастагии) овоз, хирросӣ будани овоз; ~ **голоса** гирифтагии овоз

сиплый, -ая, -ое (сипл, -а, -о) хиррӣ, гирифта, хаста; ~ **голос** овози хиррӣ

сипнуть *несов.* овозгирифта шудан, хиррӣ шудан

сипота *ж разг. см.* **сиплость**

сирена *ж* 1. *миф.* парии обӣ 2. *зоол.* хуки обӣ *(дюгон, ламантин ва ғ.)* 3. *физ.* буқ *(асбоби ихроҷи тобишҳои садо ва чен кардани онҳо)* 4. *тех.* бурғу *(асбоби ихроҷи бонги баланд дар миноҳо, киштиҳо, корхонаҳо ва ғ.)* 5. *перен.* нозанини сангдил

сиреневый, -ая, -ое 1. ...и ёс; ~ **куст** буттаи ёс 2. *(о цвете)* нофармон, бунафши паст; ~ **шёлк** абрешими бунафши паст

сирень *ж бот.* ёс

сиречь *союз пояснит. уст. ирон.* *(а именно, то есть)* яъне, масалан ки...

сириец *м* суриёнӣ

сирийка *ж* зани (духтари) суриёнӣ

сирийцы *мн.* суриёниҳо

сирокко *с нескл.* гармсел, тафтбод

сироп *м* шарбат, шира; **вишнёвый** ~ шарбати олуболу

сирот||а *м, ж* ятим, сағир, сағира; **круглый (круглая)** ~**а** ятими бекас; **остаться** ~**ой** ятим мондан, бе падару модар мондан ◇ **казанская** ~**а** мусичаи бегуноҳ

сироте||ть *несов.* 1. ятим мондан бе падару модар мондан // *перен.* *(лишаться близкого человека)* бе сарпараст мондан 2. *перен.* холӣ шудан; **с отлётом птиц леса** ~**ют** паррандаҳо, ки парида рафтанд, бешазорҳо хомуш шуда мемонанд

сиротка *м, ж разг. уменьш.-ласк. к* **сирота**

сиротливо *нареч.* ятимона, ғарибона, маҳзунона, яккаву танҳо

сиротливость *ж* бекас будан(и), ҳузновар будан(и)

сиротли́вый, -ая, -ое (сиротли́в, -а, -о) ятимона, ғариб(она), маҳзун; ~ **вид** *киёфаи ғарибона; манзараи ҳузновар*

сиро́тск||ий, -ая, -ое ...и ятим, ятимона; **~ая до́ля** тақдири ятимона ◇ **~ая зима́** зимистони нарм

сиро́тство *с* ятимӣ; бекасӣ, бекасуқуӣ

си́рый, -ая, -ое (сир, -а́, -о) 1. *уст.* ятим, бекасу куй 2. *перен.* бадбахт, нотавон, очиз

систе́м||а *ж* 1. тартиб; **~а в рабо́те** тартиби кор; **нару́шить ~у** тартибро вайрон кардан; **привести́ в ~у** ба тартиб овардан 2. услуб, усул; **~а воспита́ния** усули тарбия 3. сохт, система; **избира́тельная ~а** *полит.* системаи интихобот; **социалисти́ческая ~а хозя́йства** системаи социалистии хоҷагӣ; **филосо́фская ~а** системаи фалсафӣ; **экономи́ческая ~а** системаи иқтисодӣ; **~а нало́гов** *эк.* системаи андозаҳо 4. система; **метри́ческая ~а** системаи метрӣ; **не́рвная ~а** *анат.* системаи асаб; **периоди́ческая ~а элеме́нтов** *хим.* системаи даврии элементҳо 5. сохт; **самолёт но́вой ~ы** самолёти сохти нав 6. идораҳо; **~а Министе́рства культу́ры** идораҳои Вазорати маданият 7. *разг.* одат; **преврати́ться в ~у** одат шудан

систематиза́ция *ж* (*по знач. гл.* **систематизи́ровать** 1) ба тартиб даровардан(и), мураттаб (мунтазам) кардан(и); тасниф кардан(и)

систематизи́ровать *сов., несов. что* ба тартиб даровардан, мураттаб (мунтазам) кардан; тасниф кардан(и)

систематизи́роваться 1. *сов., несов.* ба тартиб даромадан; тасниф шудан 2. *несов. страд.* ба тартиб даровардa шудан

система́тик *м зоол., бот.* таснифгар

система́тика *ж* 1. тасниф, тартиб 2. *зоол., бот.* таснифот; **~ расте́ний** таснифоти наботот

системати́ческ||ий, -ая, -ое 1. мураттаб, мунтазам; **~ое изложе́ние собы́тий** баёноти мунтазами ҳодисаҳо 2. муттасил, пай дар пай, доимӣ; **~ое выполне́ние пла́на** иҷрои муттасили план 3. *зоол., бот.* ...и таснифот

системати́чность *ж* мураттабӣ, мунтазамӣ, мураттаб (мунтазам) будан(и)

системати́чный, -ая, -ое *см.* **системати́ческий** 1, 2

си́тец *м* чит

си́течко *с уменьш. к* **си́то**

си́тник I *м разг.* (*хлеб*) нони орди бехта

си́тник II *м бот.* қунокак

си́тн||ый, -ая, -ое 1. бехта; **~ая мука́** орди бехта 2.: **~ый хлеб** *и в знач. сущ.* **си́тный** *м* нони орди бехта ◇ **друг ~ый** *обращ. прост. шутл.* дусти беҳамто

си́то *с* элак, ғалбер; **просе́ять муку́ че́рез ~** ордро аз элак гузарондан

ситуа́ция *ж* вазъият, аҳвол, шароит; **благоприя́тная ~** шароити мусоид; **сло́жная ~** вазъияти ногувор; **полити́ческая ~** вазъи сиёсӣ

си́тцев||ый, -ая, -ое ...и чит; ...и читбофӣ; **~ое пла́тье** куртаи чит

ситценаби́вн||о́й, -ая, -о́е *текст.* ...и читгарӣ; **~а́я фа́брика** фабрикаи читгарӣ

си́филис *м мед.* сифилис, оташак, куфт

сифили́тик *м разг.* сифилисӣ

сифилити́ческ||ий, -ая, -ое *мед.* ...и сифилис, ...и оташак, ...и куфт; **~ие я́звы** яраи оташак

сифилити́чка *женск. к* **сифили́тик**

сифо́н *м* сифон (1. *физ. найчаи қаҷақдор барои аз зарфи сатҳаш баландтар ба зарфи сатҳаш пасттар гузаронидани моеот* 2. *тех. асбоб барои кашидани ҳаво ба оташдони паровоз* 3. *зарфи найчадор барои оби газнок*)

сифо́нный, -ая, -ое *физ., тех.* сифонӣ, ...и сифон

сих *род., вин. и предл. мн. от* **сей**, **сия́** *и* **сие́**

сию́ *вин. от* **сия́**

сиюмину́тность *ж* фаврӣ будан(и), ҳозира будан(и); таъҷилӣ будан(и)

сиюмину́тн||ый, -ая, -ое фаврӣ, ҳозира; **~ые потре́бности** эҳтиёҷоти ҳозира

сия́ *женск. к* **сей**

сия́ни||е *с* 1. дурахш, тобиш, партав, ҷило, фаҷр, ламъа; **се́верное ~е** фаҷри қутбӣ; **~е со́лнца** дурахши офтоб; **~е сне́га** ҷилои барф 2. (*ореол*) ҳола 3. *перен.* авҷ; **в ~и сла́вы** дар авҷи шуҳрат

сия́тельный, -ая, -ое *уст.* олирутба, олиҷоҳ

сия́тельство *с уст. в соединении с мест.* ва́ше, их, его́, её (*титулование князей и графов*) ҷаноби олӣ, ҳазрати олӣ, олиҷоҳ; **ва́ше ~** ҷаноби олӣ

сия́||ть *несов.* 1. дурахшидан, тобидан, партав афкандан, ҷило додан, шуълавар будан; **со́лнце ~ет** офтоб медурахшад 2. *чем, от чего и без доп. перен.* дурахшидан, барқ задан; **его́ лицо́ ~ет** чеҳрааш медурахшад; **его́ (её) глаза́ сия́ли** чашмонаш барқ мезаданд

сияю́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* дурахшанда, ҷилодиҳанда 2. *прил.* дурахшон, тобанда; **~ие огни́** чароғҳои дурахшон 3. *прил. перен.* хурсанд(она), шод(она); **~ая улы́бка** табассуми хурсандона

скабио́за *ж бот.* каррокак

скабрёзность *ж* 1. қабоҳат 2. алфози қабеҳ

скабрёзный, -ая, -ое қабеҳ; **~ анекдо́т** латифаи қабеҳ

скаже́нный, -ая, -ое *обл.* зиёндор

сказ *м лит. и фольк.* ҳикоя, нақл ◇ **вот [тебе́] и весь ~** тамом вассалом

сказа́ние *с лит.* достон, ҳикоя, гуфтор

ска́занн||ый *прич.* гуфташуда, нақлшуда, баёншуда; **всё ~ое выше...** ҳама чизи дар боло гуфташуда..., фавқуззикр... **ска́зано — сде́лано** *погов.* гап якта — худо якта; **не в оби́ду будь ска́зано** аз гапи ман наранҷед; **не во гнев будь ска́зано...** ба гапи ман қаҳратон наояд...

сказа́ть *сов.* 1. *что и без доп.* гуфтан, гап задан; **~ непра́вду** дуруғ гуфтан, **~ не́сколько слов** чанд сухан гуфтан; **скажи́те мне, где кни́га?** ба ман гуед, китоб куҷост?; **она́ сказа́ла, что уезжа́ет** вай гуфт, ки меравад 2. *что и без доп. уст.* (*рассказать*) гуфтан, нақл кардан 3. *что и с неопр. уст.* (*приказать*) фармон додан, фармудан 4. *что или с придаточным доп. чаще с отриц.* гуфтан, фикр (тахмин) кардан; **по его́ ви́ду нельзя́ сказа́ть, что он уста́л** ба афту андомаш нигоҳ карда наметавон гуфт, ки у хаста шудааст 5. 1 *л. мн. буд.* **ска́жем** *в знач. вводн. сл.* масалан 6. *повел.* **скажи́(те)!** (*выражает удивление*) наход?!, ҳаминтавр?! ◇ **как ~** кӣ медонад, надонам; **к приме́ру ~** масалан, барои мисол; **легко́ ~** ба гуфтан осон; **лу́чше ~** *вводн. сл.* бехтараш ин ки..., ҳатто; **мо́жно ~** *вводн. сл.* метавон гуфт; **нельзя́ ~, что́бы** наметавон гуфт, ки...; **нельзя́ ~, что́бы я не уста́л** наметавон гуфт, ки ман хаста нашудаам; **не́чего ~** 1) дар воқеъ, воқеан, гуфтагӣ барин 2) *вводн. сл.* ҳай-ҳай!; **ничего́ не ска́жешь** дар воқеъ, воқеан, гуфтагӣ барин; **по пра́вде ~** *в знач. вводн. сл.* ҳаққашро (росташро) гуям (гуем); **ро́стись** гап (гапи ҳақ) ҳамин ки...; **скажи́(те) на ми́лость** 1) *уст.* лутфан гуед 2) аҷаб! аҷабо!; **скажи́(те) пожа́луйста!** гапашро бинед-а!; **с позволе́ния ~** *вводн. сл.* 1) *ирон.* ба номаш 2) иҷозат диҳед, бифаҳмам; иҷозат диҳед, бипурсам; **так ~** *вводн. сл.* ба ибора, ба истилоҳ; **что́бы не ~ бо́льше** (*точнее говоря*) аниқтараш, дурустараш; **~ после́днее прости́** *книжн.* алвидои вопасин гуфтан; **~ своё сло́во** метавонистагиашро кард (гуфт)

сказа||ться *сов.* 1. *кому и без доп.* гуфтан, хабардор кардан; **он ушёл, не ~вшись** вай ба ҳеч кас нагуфта рафт 2. *на ком-чём, в ком-чём и без доп.* таъсир кардан, зоҳир шудан, худро маълум кардан; **просту́да ска́жется на здоро́вье** шамолхӯрӣ ба саломатӣ таъсир хоҳад кард; **оши́бка вско́ре ~лась** хато ба зудӣ зоҳир шуд 3. *кем-чем* вонамуд кардан, ба ... задан; **он ~лась больно́й** вай худро ба касалӣ задааст

сказитель *м* гуянда, достонгӯ-ровӣ

сказительница *женск. к* **сказитель**

ска́зк||а I *ж* 1. афсона, қисса, матал; **наро́дные ~и** афсонаҳои халқӣ 2. *перен.* муъҷиза; **не дом, а ~а** ин хона не, муъҷиза аст 3. *чаще мн.* **сказки** *разг.* дуруғ, гапи бофта, афсона; **брось ~и расска́зывать!** афсонагуиро бас кун! ◇ **бабьи (бабушкины) ~и** сафсата, ҳарза, гапи хушку холӣ; **~а про бе́лого бычка́** *погов. шутл.* чӣ мехонӣ? — Порсола

ска́зка II *ж уст. (список, реестр)* руйхат, номгуй

ска́зочник *м* афсонагуй, киссахон

ска́зочница *женск. к* **ска́зочник**

ска́зочность *ж* афсонавӣ (ғайривокеӣ) будан(и)

сказочн||ый, -ая, -ое (сказоч|ен, -на, -но) 1. ...и афсона, ...и кисса; **~ый сюже́т** сюжети афсона 2. *тк. полн. ф.* афсонавӣ, ғайривокеӣ: **~ый богаты́рь** паҳлавони афсонавӣ 3. *перен.* ғайриоддӣ, бехадду ҳисоб; **~ые бога́тства** сарвати бехадду ҳисоб; **со ~ой быстрото́й** бо суръати фавқулодда

сказу́емое *с грам.* хабар

сказывать *несов. что уст. и прост.* 1. гуфтан 2. накл (ҳикоя) кардан

ска́зываться *несов.* 1. *см.* **сказа́ться**; 2. *страд.* гуфта шудан

скака́лка *ж* частак *(ресмони ду нугаш дастадор барои ҷастухези бачагон ё варзишгарон)*

скака́ние *с (по знач. гл.* **скакать**) ҷастухез кардан(и), хез задан(и), тохт, тохтан(и)

скакать *несов.* 1. хез задан, ҷастан, ҷастухез кардан, ҷаҳидан; **за́яц ска́чет** харгӯш хез мезанад; **ма́льчик ска́чет на одно́й ноге́** бача якпоя меҷаҳад 2. тохтан: **~ на коне́** асп тозондан

скакну́ть *сов. однокр. к* **скака́ть** 1

скаков||о́й, -ая, -о́е ...и асптозӣ, ...и пойга; **~а́я ло́шадь** аспи пойга; **~а́я доро́жка** роҳи аспдавонӣ

скаку́: **на ~, на всём (по́лном) ~** аспро бо суръати том давонда, тозон

скаку́н *м* аспи даванд (бидав, таковар)

скала́ *ж* харсанг, шух, сахра

скали́стый, -ая, -ое (скали́ст, -а, -о) серхарсанг, сершух; **~ бе́рег** соҳили серхарсанг

скали||ть *несов. что*: **~ть зу́бы** 1) дандон нишон додан; даҳон гиз (инч) кардан; **соба́ка ~т зу́бы** саг даҳон гиз мекунад 2) *перен. прост.* ришханд задан

ска́лка *ж* 1. тирак; **~ для те́ста** тираки ош 2. *тех.* наварди дастгоҳи бофандагӣ

скалолаз *м спорт.* шухпаймо

скалола́зание *с спорт.* шухпаймоӣ

ска́лывание *с (по знач. гл.* **сколо́ть**) шикаста ҷудо кардан(и), шикаста пора кардан(и); ба ҳам пайвастан(и), ба ҳам часпондан(и); **~ льда** шикаста пора кардани ях; **~ була́вками** бо сарсузан ба ҳам пайвастан(и)

ска́лывать *несов. см.* **сколо́ть**

скалываться *несов.* 1. *см.* **сколо́ться**; 2. *страд.* шикаста ҷудо карда шудан

скальки́ровать *сов. что* 1. гарда гирифтан; ангора сохтан 2. *лингв.* калька кардан *(ибора ё калимаро аз забоне ба забони худ таҳтуллафзӣ тарҷума кардан)*

скалькули́ровать *сов. что (подсчитать)* ҳисоб кардан, ҳисоб карда баровардан; **~ себесто́имость** арзиши аслиро ҳисоб карда баровардан

скальн||ый, -ая, -ое 1. сангин, ...и харсанг, ...и шух; **~ый грунт** замини серхарсанг 2. ...и харсангканӣ, ...и харсангкафонӣ; **~ые рабо́ты** харсангканӣ

скальп *м* пусткалла *(пусти сар, ки чун ғанимат бо муяш канда гирифта мешавад)*

ска́льпель *м мед.* скальпель, нештар, нишгарда

скальпи́ровать *сов., несов. кого* пусткалла кардан

скаме́йка *ж см.* **скамья́**

скамь||я́ *ж* нимкат, харак; **деревя́нная ~я́** нимкати чубин ◇ **на шко́льной ~е́** ҳангоми таҳсил; **со шко́льной ~и́** фавран баъд аз хатми таҳсил; **~я́ подсуди́мых** курсии айбдорон; **сесть (попа́сть) на ~ю́ подсуди́мых** ба курсии сиёҳ (айбдорон) нишастан

сканда́л *м* 1. ҷанҷол, кашмакаш, ғавғо; **~ в семье́** кашмакаши оилавӣ; **полити́ческий ~** ҷанҷоли сиёсӣ; **устро́ить ~** ғавғо бардоштан 2. расвоӣ, шармандагӣ

скандали́ст *м* ҷанҷолӣ, арбадакор, ҷангара, шурапушт

скандали́стка *женск. к* **скандали́ст**

сканда́лить *несов.* 1. *с кем и без доп.* ҷанҷол кардан (бардоштан), ғавғо бардоштан 2. *кого-что разг.* расво (шарманда) кардан

сканда́льно *нареч.* шармандавор; **~ вести́ себя́** шармандагӣ (расвоӣ) кардан

скучающий, -ая, -ее 1. *прич.* дилтангшуда, дилгиршуда, зиқшуда 2. *прил.* дилгир(она), зиқ; ~ **взгляд** нигоҳи дилгирона

скученно *нареч.* зич, тиқматиқон

скученность *ж* зичӣ, бисьёр зич будан(и), тиқматиқон будан(и); **большая** ~ **населения** бисьёр зич будани аҳолӣ

скученн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* туда кардашуда 2. *прил.* зич, тиқматиқон; ~**ое население** аҳолии зич

скучивать *несов. см.* **скучить**

скучиваться *несов.* 1. *см.* **скучиться**; 2. *страд.* туда карда шуда

скучить *сов. что* туда (туб) кардан; ~ **сено** хасбедаро туда кардан

скучи||ться *сов. разг.* туда (туб) шудан, зич шудан, тиқматиқон ҷой гирифтан; **овцы** ~**лись в углу сарая** гусфандон дар кунҷи анбор туб шудаанд

скучно 1. *нареч.* зиқовар, дилгирона; **эту книгу** ~ **читать** ин китобро хондан зиқовар аст 2. *в знач. сказ. безл.* зиқ (зиқовар) аст; **как здесь** ~! чӣ хел инҷо дилгиркунанда аст!; **вам не** ~? шумо зиқ нашудед?

скучный, -ая, -ое (скуч|ен, -на, -но) 1. зиқовар, дилгир, дилтангкунанда; ~ **кинофильм** фильми дилгиркунанда 2. *(невесёлый)* дилтанг, зиқ, хафа; **он сегодня** ~ вай имруз зиқ аст

скушать *сов. что, чего разг. (при вежливом приглашении к еде)* хурдан

слабе||ть *несов.* суст шудан, беқувват (бемадор, заиф) шудан; **дождь** ~**ет** борон суст шуда истодааст; **его память** ~**ет** ҳофизааш суст шуда истодааст

слабина *ж* 1. *мор.* таноби (бодбони) халта *(дар киштӣ)* 2. *спец.* ҷои нозуки ягон чиз 3. *перен. прост.* қитиқи касе, ҷои нозуки касе

слабительн||ый, -ая, -ое *мед.* ...и исҳол, исҳоловар, ...и дарунронӣ; ~**ые средства** дорухои исҳоловар // *в знач. сущ.* **слабительное** *с* доруи исҳол, доруи дарунронӣ

слаб||ить *несов.* 1. *безл. кого-что* исҳол шудан; **ребёнка больше не** ~**ит** кудак дигар исҳол намешавад 2. *(о слабительном)* исҳол кунондан, дарун равондан; **эти пилюли** ~**ят** ин ҳабҳо исҳол мекунонанд

слабнуть *несов. разг. см.* **слабеть**

слабо *нареч.* 1. суст, номаҳкам; **проволока** ~ **натянута** сим таранг кашида нашудааст 2. бад, суст, бе маҳорат; **она** ~ **играет на рояле** вай рояльро суст менавозад

слабо *в знач. сказ. с неопр. прост.:* ~ **тебе это сделать!** ба ин кор зурат намерасад!

слабоволие *с* сустиродагӣ, сустии ирода

слабовольный, -ая, -ое (слабово|лен, -льна, -льно) сустирода

слабогрудый, -ая, -ое (слабогруд, -а, -о) чурук

слабодушие *с* буздилӣ

слабодушный, -ая, -ое (слабодуш|ен, -на, -но) буздил

слабонервный, -ая, -ое (слабонерв|ен, -на, -но) заифмизоҷ

слаборазвит||ой, -ая, -ое сусттараққикарда; ~**ые страны** мамлакатҳои сусттараққикарда

слабосилие *с* бемадорӣ, бедармонӣ

слабосильный, -ая, -ое (слабосил|лен, -льна, -льно) 1. бемадор, бедармон; ~ **человек** одами бемадор 2. камқувват; ~ **двигатель** муҳаррики камқувват

слабость *ж* 1. сустӣ, заифӣ, камқувватӣ; ~ **памяти** сустии қувваи ҳофиза; ~ **воли** сустии ирода; **он чувствовал** ~ **в ногах** вай бемадор шудани пойҳояшро ҳис мекард 2. камҷуръатӣ, сустиродагӣ; ~ **руководства** суст будани роҳбарӣ 3. *перен.* одати бад; **его** ~ — **курение** одати бадаш тамоку кашидан аст 4. *перен. разг.* майл, ҳавас, рағбат, шавқ; **шахматы** — **его** ~ вай ишқбози шоҳмот аст

слаботочн||ый, -ая, -ое сустҷараён; ~**ая электротехника** техникаи сустҷараёни электрикӣ

слабоумие *с* камақлӣ, кутоҳақлӣ, заъфи ақл

слабоумный, -ая, -ое (слабоум|ен, -на, -но) камақл, кутоҳақл

слабохарактерность *ж* сустиродагӣ, сустии ирода

слабохарактерный, -ая, -ое (слабохарактер|ен, -на, -но) сустирода

слаб||ый, -ая, -ое (слаб, -а, -о) 1. суст, заиф, камқувват; ~**ый удар** зарбаи камқувват; ~**ый ветер** шамоли суст; ~**ое течение** ҷараёни суст; ~**ый голос** овози суст; ~**ая армия** армияи камқувват 2. заиф, бемор, нимҷон; ~**ая девочка** духтари нимҷон; ~**ые лёгкие** шуши иллатнок 3. кам, нокифоя, суст, камтаъсир, ноқис; ~**ый надзор** назорати суст; ~**ое лекарство** доруи камтаъсир; ~**ые способности** қобилияти суст; ~**ая** на-

де́жда умеди ночиз; ~ые **доказа́тельства** далели ноқис 4. суст, ғайриқатъӣ; ~ая **во́ля** иродаи суст 5. суст, кам, ноқифоя; ~ое **освеще́ние** рушноии хира 6. *бад*, суст, каммазмун; ~ое **сочине́ние** иншои суст 7. паст, суст; ~ый **таба́к** тамокуи паст; ~ый **чай** чои инмранг 8. халта, суст; ~ые **завя́зки** бандҳои суст 9. бетартиб, бенизом; ~ый **уча́сток рабо́ты** ҷои бенизоми кор ◇ ~ый **желу́док** меъдаи суст; ~ый **пол** занон; ~ая **стру́нка**, ~ая **сторона́**, ~ое **ме́сто** *кого-чего* иллат, айб; ~ые **то́ки** *эл.* токҳои камқувват

сла́в||а *ж* 1. шаън, шараф, шӯҳрат; **всеми́рная** ~а шуҳрати ҷаҳонӣ; **места́ революцио́нной, боево́й и трудово́й** ~ы ҷойҳои шӯҳрати революционӣ, ҷангӣ ва меҳнатӣ; **дости́гнуть** ~ы соҳиби шаъну шараф шудан 2. *разг.* *(молва, слух)* овоза, шуҳрат; **о нём идёт дурна́я** ~а дар бораи у овозаи бад паҳн шудааст; **он по́льзуется** ~**ой прекра́сного актёра** вай ҳамчун актёри пурҳунар ном баровардааст 3. *(хвала, честь)* ҳамду сано!, шаъну шараф!; ~**а геро́ям!** ҳамду сано ба қаҳрамонон!; **ве́чная** ~**а!** шаъну шарафи абадӣ! ◇ **на** ~у бисьёр хуб, бисьёр нағз; **то́лько** [**одна́**] ~**а, что...** *ирон.* фақат овоза хаст, ки...; ~**а бо́гу** 1) *в знач. сказ.* *(хорошо)* худоро шукр, хуб аст 2) *вводн. сл.* *(к счастью)* шукр, шукр ки..., хушбахтона

слави́ст *м* славяншинос

слави́стика *ж см.* **славянове́дение**

сла́вить *несов. кого-что* 1. мадҳ (ситоиш, таъриф) кардан, мадҳу сано гуфтан; ~ **геро́ев** ба қаҳрамонҳо мадҳу сано гуфтан 2. *разг.* бадном кардан 3. *уст.* бо сурудхонӣ табрик кардан; ~ **новобра́чных** навхонадоронро бо сурудхонӣ табрик кардан

сла́вит||ься *несов.* 1. *чем и без. доп.* ном баровардан, шӯҳрат пайдо кардан, машҳур будан; **Крым** ~**ся свои́ми куро́ртами** Қрим бо курортҳои худ шӯҳрат пайдо кардааст 2. *страд.* мадҳ (ситоиш) карда шудан

сла́вка *ж зоол.* таранд *(як навъ паррандаи хурд аз ҷинси гунҷишк)*

сла́вно 1. *нареч.* *(хорошо)* хуб, нағз; **карти́на** ~ **напи́сана** расм хуб кашида шудааст 2. *в знач. сказ. безл.* хуб (нағз, форам) аст; **у вас** ~ хонаи шумо хуб аст

сла́вн||ый, -ая, -ое (сла́в|ен, -на́, -но) 1. пуршараф, номдор, машҳур, шаҳир; ~ая **побе́да** ғалабаи бошараф; ~ое **и́мя** номи шаҳир 2. *тк. полн. ф.* хуб, нағз, дилкаш; **он** ~**ый ма́льчик** вай бачаи нағз аст

славосло́вие *с ирон.* ситоиши (таърифи) аз ҳад зиёд

славосло́вить *несов. кого-что* 1. *уст. церк.* наът гуфтан 2. *ирон.* аз ҳад зиёд ситоиш (таъриф) кардан

славя́не *мн.* славянҳо

славяни́зм *м лит., лингв.* славянизм *(ибора ё ифодае, ки дар ягон забони ғайриславянӣ мувофиқи қоидаҳои ҷумлабандии ягон забони славянӣ тартиб дода шуда бошад)*

славяни́н *м* славян

славя́нка *ж* славянзан, славяндухтар

славянове́д *м см.* **слави́ст**

славянове́дение *с* славяншиносӣ

славянофи́лы *мн.* *(ед.* **славянофи́л** *м)* славянпарастон, славяндӯстон

славя́нск||ий, -ая, -ое славянӣ, ...и славянҳо; ~**ие языки́** забонҳои славянӣ

славя́нство *с собир.* славянҳо, халқҳои славян

слага́ем||ое *с* 1. *мат.* ҷамъшаванда; ~**ые три и пять** ҷамъшавандаҳои се ва панҷ 2. *перен.* таркиб, қисм, ҷузъ

слага́ть *несов. см.* **сложи́ть** 2, 4, 6

слага́||ться *несов.* 1. *см.* **сложи́ться** 2, 3; 2. иборат будан, ташкил ёфтан; **расхо́ды** ~**ются из сле́дующих стате́й** хароҷот аз моддаҳои зерин иборатанд... 3. *страд.* гузошта (чида) шудан; ҷамъ карда шудан; гуфта шудан

слад *м:* **с ним** ~**у нет** *разг.* уро сариштa карда намешавад

сла́дить *сов.* 1. *прост. что* соз (дуруст) кардан, сохтан, тайёр кардан; ~ **де́ло** корро дуруст кардан 2. *с кем-чем* сариштa кардан; **не** ~ **с детьми́** бачагонро сариштa накардан 3. *с кем и без доп. уст. и прост.* маслиҳат (созиш) кардан

сла́ди||ться *сов.* 1. *уст. разг.* соз (дуруст, баробар) шудан; **де́ло** ~**лось** кор дуруст шуд 2. *прост.* маслиҳат (созиш) кардан, ба маслиҳат омадан

сла́дк||ий, -ая, -ое (сла́д|ок, -ка́, -ко) 1. ширин, лазиз, болаззат; қандин; ~**ая гру́ша** ноки ширин 2. *перен.* форам, ширин; ~**ие мечты́** орзуҳои ширин; ~**ий сон** хоби ширин 3. *перен. разг.* мунофиқона; ~**ие слова́** суханони мунофиқона 4. *в знач. сущ.* **сла́дкое** *с разг.* *(блюдо)* ширинӣ, нуқлу наво; **что сего́дня на** ~**ое?** имрӯз нуқлу наво аз чӣ иборат аст? 5. *қисми таркибии баъзе номҳои хӯроквориҳо:* ~**ий пе́рец** қаламфури ширин; ~**ое ма́сло** маскаи бенамак

сла́дко 1. *нареч.* ширин, болаззат, қандин; **недоста́точно** ~ чандон ширин не 2. *нареч. перен.* форам, ширин; ~ **спать** ба хоби ширин рафтан 3. *нареч. перен.* мунофиқона; ~ **улыба́ться** мунофиқона табассум кардан 4. *в знач. сказ. безл. кому-чему и без доп.* нағз (хуб) аст; **ему́ пришло́сь не** ~ аҳволаш табоҳ буд

сладкогла́сный, -ая, -ое (сладкогла́с|ен, -на, -но) хушовоз, хушилҳон, хушнаво; ~ **солове́й** булбули хушилҳон

сладкое́жка *м, ж разг.* шириндӯст

сладкозву́чный, -ая, -ое (сладкозву́ч|ен, -на, -но) *уст. книжн.* хушоҳанг

сладкоречи́вый, -ая, -ое (сладкоречи́в, -а, -о) *уст. книжн.* хушгап, ширинзабон

сла́достн||ый, -ая, -ое (сла́дост|ен, -на, -но) *поэт.* форам, ширин, лазиз; ~**ые мечты́** орзуҳои ширин

сладостра́стие *с* шаҳват, шаҳватпарастӣ

сладостра́стность *ж см.* **сладостра́стие**

сладостра́стный, -ая, -ое (сладостра́ст|ен, -на, -но) шаҳватпараст, шаҳватангез, шаҳватомез, шаҳвонӣ

сла́дост||ь *ж* 1. ширинӣ, лаззат, ҳаловат; ~**ь ды́ни** ширинии харбуза 2. *перен.* форамӣ, ширинӣ, лаззат; ~**ь любви́** лаззати муҳаббат 3. *мн.* **сла́дости** *разг.* ширинӣ, ширавор, нуқлу наво; **восто́чные** ~**и** ширавори шарқӣ

сла́женность *ж* соз (дуруст) будан(и), ботартибӣ; ~ **рабо́ты** соз будани кор

сла́женн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* соз (дуруст) кардашуда 2. *прил.* мураттаб, ботартиб, соз, дуруст; ~**ая рабо́та** кори мураттаб

сла́живать *несов. см.* **сла́дить** 1

сла́живаться *несов.* 1. *см.* **сла́диться** 1; 2. *страд.* соз (дуруст) карда шудан

сла́зать *сов. см.* **сла́зить** I

сла́зить I *сов. прост.* 1. *(спуститься)* фуромада баромадан; баромада фуромадан; ~ **в по́дпол** ба таҳхона фуромада баромадан; ~ **на кры́шу** ба бом баромада фуромадан 2. *разг.* даст андохтан (задан)

сла́зить II *несов. обл. см.* **слеза́ть**

сла́лом *м спорт.* слалом *(навъе аз машқҳои лыжагардӣ аст, ки лыжагард бо суръати тез аз монеаҳои сунъӣ гузашта, аз ҷои баланд поин мефуроядʼ)*

слалом́ист *м спорт.* слаломгард

сла́ломи||ый, -ая, -ое *спорт.* слаломӣ, ...и слалом; ~**ые лы́жи** лыжаи слаломӣ

сла́мывать *несов. см.* **сломи́ть**

сла́мываться *несов.* 1. *см.* **сломи́ться;** 2. *страд.* шикаста шудан

сла́нец *м геол.* варақсанг

сла́нцев||ый, -ая, -ое ...и варақсанг; ~**ые поро́ды** *геол.* ҷинсҳои варақсанг

сластёна *м, ж разг.* ширинхӯрак

сла́сти *мн. разг.* ширинӣ, ширавор, нуқлу наво

састи́||ть *несов.* 1. *что уст.* ширин (қандин) кардан 2. чучмал будан; **карто́шка** ~т картошка чучмал аст

сластолю́бец *м уст. книжн.* сершаҳват, шаҳватпараст, одами шаҳвонӣ

сластолюби́вый, -ая, -ое (сластолюби́в, -а, -о) *уст. книжн.* шаҳватпараст, шаҳвонӣ

сластолю́бие *с* шаҳват, шаҳватпарастӣ

сласть *ж прост. см.* **сла́дость**

слать *несов. кого-что в разн. знач.* фиристодан, роҳӣ кардан; ~ **гонцо́в** қосид фиристодан; **он шлёт вам приве́т** вай ба шумо салом мефиристад

слаща́во *нареч.* мулоимхунукона; ~ **улыба́ться** мулоимхунукона табассум кардан

слаща́вость *ж разг.* мулоимхунукӣ

слащá**вый**, -ая, -ое (слащав, -а, -о) 1. аз ҳад зиёд ширин, чучмал; ~ **зáпах** буи чучмал 2. *перен.* мулоимхунук; ~ **гóлос** овози мулоимхунук

слáще *сравн. ст. к* **слáдкий** *и к* **слáдко**; **э́тот сорт груш** ~ ин ҷинси нок ширинтар аст ◇ **хрен рéдьки не** ~ *посл.* лубиёю каду — лаънат ба ҳар ду

слéва *нареч.* *(откуда)* аз чап, аз тарафи дасти чап; **вéтер подýл** ~ шамол аз тарафи чап вазид // *(где)* дар тарафи чап, дар тарафи дасти чап; ~ **виднéлись гóры** дар тарафи чап кӯҳҳо намоён буданд

слегá *ж* (жердь) хода, чӯбдаст

слегкá *нареч.* 1. оҳиста, саҳл, андак; ~ **удáрить** оҳиста задан 2. камтар, андак, кам-кам; **он** ~ **улыбнýлся** вай андак табассум кард 3. *перен.* дар омади гап, андак, камтар; **они́** ~ **коснýлись литератýры** онҳо андак дар бораи адабиёт гап заданд

след I *м* 1. пай, из, нақши по; ~**ы́ вóлка** изи гург 2. асар, аломат, нишон, нишона; ~**ы́ óспы** асари нағзак; ~**ы́ нищеты́** асари қашшоқӣ; ~**ы́ войны́** асари ҷанг; **замести́** ~**ы́ преступлéния** осори ҷиноятро рӯпӯш кардан 3. *разг.* кафи пой ◇ **егó и** ~ **просты́л** асараш ҳам намонд; **он исчéз без** ~**á** вай бедарак шуд; **по горя́чим (свéжим)** ~**áм** дар гармогармӣ; **идти́ по** ~**áм** *кого,* **в** ~ *кому* пайрав будан, пайравӣ кардан; **навести́ на лóжный** ~ гумроҳ кардан; **пýтать** ~**ы́** аз роҳ баровардан, ба иштибоҳ андохтан; **сдвóить** ~ *охот.* дубора аз изи пештара рафтан *(дар бораи харгӯш)*

след II: **не** ~ *прост.* раво не, мумкин не, шоям не

следи́||**ть** I *несов.* 1. *за кем-чем и без доп.* нигоҳ карда истодан, синча кардан, мушоҳида кардан; ~**ть за посáдкой самолёта** фуромадани самолётро нигоҳ карда истодан 2. *за кем-чем перен.* гӯш кардан, диққат кардан (додан); **он внимáтельно** ~**л за лéкцией** вай лекцияро бо диққат гӯш мекард 3. *за чем перен.* хабардор шуда истодан, воқиф (огоҳ) шуда истодан; ~**ть за развитием наýки** аз инкишофи илм хабардор шуда истодан 4. *за кем-чем и без доп.* назорат кардан; нигаҳбонӣ (нигоҳубин) кардан, ғамхорӣ кардан; **онá** ~**ла за детьми́** вай бачагонро нигоҳубин мекард 5. *за кем-чем* поида гаштан, поидан; таъқиб кардан, аз пай афтидан ◇ ~**ть за собóй** худро парво кардан

следи́||**ть** II *несов. чем и без доп. разг.* нақши пой мондан; ифлос (чиркин) кардан; **он** ~**т сапогáми пó полу** фаршро бо мӯзааш чиркин мекунад

слéдовани||**е** *с* (*по знач. гл.* **слéдовать** 1—4) рафтан(и); ҳаракат кардан(и); пайравӣ кардан(и); ~**е пóезда** ҳаракат кардани поезд; **пóезд дáльнего** ~**я** поезди дурраванда; ~**е мóде** мудпарастӣ ◇ **путь** ~**я** роҳи сафар

слéдователь *м юр.* муфаттиш, тергавчӣ

слéдовательно 1. *вводн. сл. разг.* *(итак, значит)* пас, ҳамин тавр бошад; ~, **ты неправ** пас ту ҳақ не 2. *союз (поэтому)* пас, бинобар ин

слéдовательский, -ая, -ое ...и муфаттиш, муфаттишӣ, ...и тергавчӣ

слéд||**овать** *несов.* 1. *за кем-чем* рафтан; **он неотстýпно** ~**овал за мной** вай ҳамчунон аз паи ман мерафт 2. *за чем* руй додан; **собы́тия** ~**овали однó за другѝм** ҳодисаҳо паи ҳам зуд руй медоданд 3. рафтан, гаштан, ҳаракат кардан; **пóезд** ~**ует без остановок** поезд бе таваққуф меравад 4. *чему перен.* ба инобат гирифтан, пайравӣ кардан; **он во всём** ~**ует отцý** вай ҳамаи гапҳои падарашро ба инобат мегирад; **онá** ~**ует мóде** вай мудпарастӣ мекунад 5. баромадан; **из э́того** ~**ует, что...** аз ин бармеояд ки... 6. *безл. кому-чему и с неопр.* лозим (зарур) аст, бояд; **вам** ~**ует обрати́ться к врачý** шумо бояд ба духтур муроҷиат кунед; **об э́том** ~**ует знать всем** ҳама инро бояд донанд 7. *кому-чему, с кого-чего и без доп.* бояд; **вам** ~**ует получи́ть сто рублéй** шумо бояд сад сум гиред; **мне с вас** ~**ует получи́ть три рубля́** шумо бояд ба ман се сум диҳед ◇ **как** ~**ует** бояду шояд

слéдом *нареч.* аз ақиб, аз дунбол, аз қафо; ~ **за** *предлог с тв.* аз паи..., аз қафои...; **они́ дви́гались** ~ **за нáми** онҳо аз қафои мо роҳ мерафтанд

следопы́т *м* изчӣ, изгир, пайшинос

слéдственн||**ый**, -ая, -ое *юр.* ...и тафтиш, ...и истинтоқ, ...и тергав; ~**ые делá** ҳуҷҷатҳои тафтиш; ~**ые óрганы** органҳои тафтиш

слéдствие I *с* натиҷа, оқибат; **кáшель** — ~ **простýды** сулфа натиҷаи шамолхӯрист

слéдствие II *с юр.* тафтиш, истинтоқ, тергав; **назнáчить** ~ тафтиш таъин кардан; **вести́** ~ тафтиш кардан; **быть (находи́ться) под** ~**м** дар зери тафтиш будан

слéдуем||**ый**, -ая, -ое *офиц.* 1. пардохташаванда, ...и пардохт; ~**ая сýмма** маблағи пардохт 2. *в знач. сущ.* **слéдуемое** *с то же, что* **слéдуемая сýмма**

слéдующ||**ий**, -ая, -ее 1. *прич.* раванда, мерафтагӣ, меомадагӣ 2. *прил.* оянда, навбатӣ, дигар; **на** ~**ий день** дар рӯзи дигар; ~**им нóмером прогрáммы** номери навбатии программа 3. *в знач. мест. определит.* чунин, ин тавр; **в кни́ге он нашёл** ~**ий примéр** вай дар китоб чунин мисоле ёфт 4. *в знач. сущ,* **слéдующее** *с* ҳамин кор, ин кор; **мы реши́ли сдéлать** ~**ее** мо қарор додем ин тавр кунем

слежá||**ться** *сов.* сахт шудан; **вáта в матрáсе** ~**лась** пахтаи кӯрпа сахт шудааст

слежéни||**е** *с косм.* расад; ~**е за косми́ческими аппарáтами** расади аппаратҳои кайҳонӣ; **систéма** ~**я** системаи расад; **стáнция** ~**я** станцияи расад

слёживаться *несов. см.* **слежáться**

слéжк||**а** *ж* (*по знач. гл.* **следи́ть** 5) таъқиб, поидан(и); **усилить** ~**у** таъқибро зур кардан

слез||**á** *ж* 1. ашк, сиришк // *мн.* **слёзы** оби дида, оби чашм, ашк; **в егó глазáх показáлись слёзы** дар чашмонаш ашк пайдо шуд 2. *мн.* **слёзы** гирья: **довести́ до слёз** гирьёндан ◇ **крокоди́ловы слёзы** ашки бардуруғ, гирьяи сохта; **сквозь слёзы** бо чашмони ашколуд; **смех сквозь слёзы** хандаи гирьяолуд; **сыр со** ~**ой** панири холдор: **слёзы подступáют к гóрлу** гирья гулугир мекунад; **слёзы сдави́ли ей гóрло** аз гирья гулугир шуд; **глотáть слёзы** аз гирья худдорӣ кардан; **дать вóлю** ~**áм** гирья карда сар додан: **обливáться** ~**áми** шаш қатор оби дида рехтан; **отольются слёзы (слёзки)** *чьи кому,* **отольются вóлку овéчьи (кóшке мы́шкины) слёзы (слёзки)** чоҳкан зери чоҳ; **осуши́ть** [**свой**] **слёзы** гирьяро бас кардан; **осуши́ть слёзы чьи-л., комý-л.** касеро тасаллӣ додан: **плáкать горючими** ~**áми** зор-зор гиристан; **проли́ть (пусти́ть)** ~**ý** *шутл.* ашк рехтан; **не проли́ть ни однóй** ~**ы** сангдил шуда мондан; як қатра ашк нарехтан; **роня́ть слёзы** ашк резондан

слезá||**ть** *несов.* 1. *см.* **слезть**; 2. *разг.* баромадан, кашида шудан; **сапóг не** ~**ет с ноги́** муза аз пой намебарояд

слези́нк||**а** *ж уменьш.-ласк. к* **слезá** ◇ **ни** ~**и не проли́ть** сангдил шуда мондан

слез||**и́ться** *несов.* ашколуд шудан; **глазá** ~**я́тся от пы́ли** чашмон аз чанг ашколуданд

слёзка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **слезá** қатраи ашк 2. ашкак *(санги қиматбаҳои қатрамонанд ё шишаи ях)*

слезли́вость *ж* гирьёнчакӣ

слезли́в||**ый**, -ая, -ое (слезлив, -а, -о) 1. гирьёнчак; ~**ый ребёнок** кӯдаки гирьёнчак 2. гирьяовар, гирьяомез; **говори́ть** ~**ым тóном** бо оҳанги гирьяолуд гап задан 3. *перен.* риққатовар; ~**ый расскáз** ҳикояи риққатовар

слезни́к *м архит.* обрави тиреза

слёзно *нареч. разг.* бо нолиш, гирьякунон, зор-зор, бо зори; ~ **проси́ть** зорию тавалло кардан

слёзн||**ый**, -ая, -ое 1. *анат.* ...и ашк; ~**ые жéлезы** ғадудҳои ашк 2. *перен. разг.* гирьяовар, раҳмовар, раҳмангез; ~**ая мольбá** тавалло

слезоотделéние *с см.* **слезотечéние**

слезоотдели́тельный, -ая, -ое ...и ашкбор

слезотечéние *с* ашкрезӣ

слезоточи́вость *ж* ашкрезӣ, ашкбо...

слезоточи́в||**ый**, -ая, -ое (слезоточ... -а, -о) 1. ашкрез; ~**ые глазá** чашмо... ашкрез 2. ашковар; ~**ые отравля́ю... веществá** моддаҳои заҳрноки ашк...

слезоточи́ть *несов.* ашк рехтан

слез||**ть** *сов.* 1. фуромадан, поин ... ромадан; ~**ть с кры́ши** аз бом ф... омадан 2. *прост.* *(выйти — о пасс... рах)* баромадан; **мы** ~**ли на остано...**

ра́ньше мо як истгоҳ пеш баромадем 3. *разг.* афтидан, рафтан, ғалтидан, рехтан; **у него́ от ожо́га ~ла ко́жа** пусташ аз сӯхтан рафт

слезя́щ||ийся, -аяся, -ееся обрав, обравшуда; **~иеся глаза́** чашмони обрав

слепе́нь *м зоол.* хармагас

слепе́ц *м* 1. кур, нобино, зарир, аъмо 2. *перен.* фиребхур, фирефта

слепи́||ть I *несов. кого-что* 1. *уст.* кӯр (нобино) кардан 2. чашмро хира кардан, чашмро бурдан; **со́лнце ~т глаза́** офтоб чашмро мебарад; **песча́ная бу́ря ~ла пу́тников** тӯфони чанг чашми мусофиронро хира мекард

слепи́ть II *сов. что* 1. сохтан; **~ фигу́рку из гли́ны** аз лой ҳайкалча сохтан 2. часпондан

слепи́||ться *сов. разг.* часпидан; **клеёнка ~лась** клеёнка часпидааст

слепля́ть *несов. см.* **слепи́ть** II

слепля́ться *несов.* 1. *см.* **слепи́ться;** 2. *страд.* сохта шудан; часпонда шудан

сле́пнуть *несов.* кур (нобино, зарир) шудан

сле́по *нареч.* кур-курона, фикр накарда, бе мулоҳиза; **~ подчиня́ться** кур-курона итоат кардан; **~ ве́рить** кур-курона бовар кардан; **~ сле́довать чему́-л.** кӯр-кӯрона аз паи чизе рафтан

слепоглухонемота́ *ж* курукаругунгӣ

слеп||о́й, -а́я, -о́е (слеп, -а́, -о) 1. кӯр, нобино, зарир, аъмо; **~о́й от рожде́ния** кури модарзод; **он слеп** у нобино аст 2. *в знач. сущ.* **слепо́й** *м*, **слепа́я** *ж* кӯр, нобино, занаки нобино, кӯрдухтар 3. *перен.* нофаҳм, нодон 4. *перен.* кур-курона; **~а́я любо́вь** муҳаббати кур-кӯрона; **~о́е подража́ние** тақлиди кӯр-кӯрона; **~о́е повинове́ние** итоати кӯр-кӯрона 5. норавшан, нохоно; **~о́й шрифт** ҳарфи норавшан 6. нодид, нодида; **печа́тать ~ым ме́тодом** бо усули нодида дар мошинка чоп кардан; **соверша́ть ~о́й полёт** *ав.* роҳро надида парвоз кардан ◇ **~о́й дождь** гургборон; **~а́я кишка́** *анат.* курруда; **~а́я ку́рица** шабкур, шилпук

сле́пок *м* қолаб; **~ с ключа́** қолаби калид

слепорождённый, -ая, -ое кури модарзод

слепота́ *ж* 1. кӯрӣ, нобиноӣ 2. *перен.* нофаҳмӣ, нодонӣ, ҷаҳолат; **полити́ческая ~** ҷаҳолати сиёсӣ ◇ **кури́ная ~** 1) *мед.* шабкурӣ 2) *бот.* гули арусӣ, чинорак; **сне́жная ~** *мед.* барфкурӣ

слепы́ш *м зоол.* кӯрмуш

слеса́рить *несов. прост. см.* **слеса́рничать**

слеса́рничать *несов. разг.* челонгарӣ кардан

слеса́рн||ый, -ая, -ое ...и челонгарӣ; **~ый инструме́нт** афзори челонгарӣ; **~ая мастерска́я** устохонаи челонгарӣ; **~ое де́ло** челонгарӣ, касби (кори) челонгарӣ // *в знач. сущ.* **слеса́рная** *ж то же, что* **~ая мастерска́я**

слеса́рня *ж разг.* устохонаи челонгарӣ

сле́сарский, -ая, -ое ...и челонгар

сле́сарство *с разг.* челонгарӣ

сле́сар||ь *м* челонгар; **работать учени́ком ~я** шогирди челонгар шуда кор кардан

слёт *м* 1. (*по знач. гл.* **слете́ться** 1) парида омадан(и), парида ҷамъ шудан(и); **~ птиц** ғун шудани мурғон 2. *охот.* бозори мурғон 3. слёт, маҷлис, ҷамъомад, анҷуман; **~ пионе́ров** слёти пионерон

слета́||ть I *сов. разг.* 1. парида рафта омадан; **он ~л в Ленингра́д** вай ба Ленинград парида рафта омад 2. *перен.* давида (тохта) рафта омадан; **~ть за кни́гами** давида рафта китоб овардан

слета́ть II *несов. см.* **слете́ть**

слета́ться *несов. см.* **слете́ться**

слете́||ть *сов.* 1. парида фуромадан; **ку́рица ~ла с насе́ста** мурғ аз хода парида фуромад // (*вспорхнуть*) парида рафтан 2. *разг.* афтодан, афтидан, ғалтидан; **ма́льчик ~л с де́рева** бача аз дарахт афтид 3. *перен. разг. в сочет. со словами «с губ», «с языка», «с уст»* нохост гуфта шудан, нохост аз даҳон баромадан 4. *перен. разг.* (*лишиться должности*) маъзул шудан; **он ~л с поста́** аз мансабаш маъзул шуд

слете́||ться *сов.* 1. парида омадан, парида ҷамъ (ғун) шудан; **во двор ~лись го́луби** дар рӯи ҳавлӣ кабӯтарҳо парида ҷамъ шуданд 2. *разг. перен.* аз ҳар тараф давида (тохта) омадан; **ми́гом ~лась детвора́** якбора аз ҳар тараф бачагон давида омаданд

слёток *м охот.* чучапих

слечь *сов.* 1. *разг.* бистарӣ шудан; **он слёг в посте́ль** вай бистарӣ шуд 2. *обл.* хобидан; **хлеба слегли́ от дожде́й** аз таъсири борон ғалла хобид

слив *м* 1. *см.* **слива́ние;** 2. (*сток*) обрез 3. *обл.* (*убыль воды*) паст шудани об

сли́ва *ж* (*дерево*) дарахти олу; (*плод*) олу

слива́ние *с* (*по знач. гл.* **слить**) резиш, рехта партофтан(и); рехта аралаш кардан(и)

слива́ть *несов. см.* **слить**

слива́||ться *несов.* 1. *см.* **сли́ться;** 2. қатӣ шуда ҷорӣ шудан; **во́ды ре́к ~ются за ле́сом** оби дарьёҳо дар пушти беша қатӣ шуда ҷорӣ мешаванд 3. *страд.* рехта шудан; қатӣ карда шудан

сли́вка *ж см.* **слива́ние**

сли́вк||и *тк. мн.* 1. қаймоқ, саршир; **ко́фе со ~ами** қаҳваи қаймоқдор; **снять ~и с молока́** қаймоқ гирифтан 2. *перен. уст.* гули сари сабад; **~и о́бщества** гули сари сабади ҷамъият ◇ **снима́ть ~и с чего́-л.** қаймоқи чизеро гирифтан

сливн||о́й, -а́я, -о́е 1. аралаш (қатӣ) кардашуда 2. ...и партов; **~а́я я́ма** хандақ 3. ...и ширсупорӣ; **~о́й пункт** пункти ширсупорӣ

сли́вов||ый, -ая, -ое ...и олу, олугин; **~ая ко́сточка** донаи олу; **~ое варе́нье** мураббои олу

сли́вочник *м* қаймоқдон, зарфи қаймоқгирӣ

сли́вочн||ый, -ая, -ое ...и қаймоқ, қаймоқин; **~ое ма́сло** маска; **~ое моро́женое** морожнии қаймоқин

слива́нка *ж* шароби олу

слиза́||ть *сов. что* лесидан, лесида хӯрдан, лесида гирифтан; **ко́шка ~ла всё ма́сло** гурба тамоми маскаро хӯрдааст

слизево́й, -а́я, -о́е ...и луоб, луобӣ

сли́зень *м зоол.* тӯқумшуллуқ; **капу́стный ~** тӯқумшуллуқи карам

сли́зист||ый, -ая, -ое *анат.* луобдор, луобӣ; **~ая оболо́чка** пардаи луобӣ

слизну́||ть *сов.* 1. *однокр. к* **слиза́ть;** 2. *что груб. прост.* (*украсть*) дуздидан ◇ **бу́дто коро́ва языко́м ~ла** беному нишон шуда рафт

слизня́к *м* 1. *см.* **моллю́ск;** 2. *перен. разг. презр.* одами латта, одами фисин

сли́зывать *несов. см.* **слиза́ть**

сли́зываться *несов. страд.* лесида шудан

слизь *ж* луоб

слиня́||ть *сов.* 1. *прост.* ранг паридан; **э́тот си́тец сра́зу ~л** ранги ин чит дарҳол паридааст 2. рехтан; (*о шерсти и перьях*) рафтан, афтидан; **шерсть у лисы́ ~ла** мӯи рӯбоҳ рехтааст

слип *м мор.* слип (1. *иншооти баровардану фуровардани киштӣ ба соҳил ва об* 2. *ҷои ба киштӣ кашола карда бароварданӣ кит*)

слипа́||ть *несов. что разг.* чашмкушой намондан; **сон ~ет глаза́** хоб чашмкушой намемонад

слипа́||ться *несов.* 1. ба ҳам часпидан; **ма́рки ~ются** маркаҳо ба ҳам мечаспанд 2. *перен.*: **у него́ глаза́ ~ются** чашмашро хоб бурд, чашмонаш хоболуд аст

слип||нуться *сов.* 1. часпидан; **куски́ са́хара ~лись в комо́к** қандпораҳо ба ҳам часпида лӯнда шуданд 2. *см.* **слипа́ться** 2

сли́тков||ый, -ая, -ое ...и сабика; **~ое серебро́** нуқраи сабика

сли́тно *нареч.* якҷоя; **э́то сло́во пи́шется ~** ин калима якҷоя навишта мешавад

сли́тность *ж* якҷоя будан(и); **~ написа́ния** якҷоя навишта шудан(и)

сли́тн||ый, -ая, -ое (сли́т|ен, -на, -но) якҷоя, муттасил; **~ое написа́ние** якҷоя навиштан(и) ◇ **~ое предложе́ние** *грам.* ҷумлаи чида

сли́ток *м* сабика; **~ зо́лота** сабикаи тилло

слить *сов.* 1. *что* рехтан, рехта партофтан; **~ молоко́ в кувши́н** ширро ба кузача рехтан 2. *что с чего* рехта дурда ҷудо кардан; **~ ко́фе** қаҳваро рехта дурдаашро ҷудо кардан 3. *что* рехта аралаш (якҷоя) кардан, қатӣ кардан; **~ молоко́ от ра́зных коро́в**

шири говҳои гуногунро аралаш кардан 4. *кого-что перен.* якҷоя (муттаҳид) кардан 5. *что тех.* якҷоя рехтан; ~ **два металла** ду хел металлро гудохта якҷоя рехтан 6. *уст. разг.* рехта (шорида) рафтан

слиться *сов.* 1. дарҳам рехтан, як шудан, қатӣ шудан; **ручьи слились в реку** наҳрчаҳо як шуда дарьё гардиданд 2. *тех.* гудохта қати шудан 3. *перен.* як (муттаҳид, якҷоя, қатӣ) шудан; **две школы слились в одну** ду мактаб як шуданд; **краски слились** рангҳо аралаш шуданд; **голоса певцов слились с музыкой** овозҳои сурудхонон бо мусиқӣ чӯр шуданд

сличать *несов. см.* **сличить**

сличаться *несов. страд.* муқоиса (татбиқ) карда шудан

сличение *с* (*по знач. гл.* **сличить**) муқоиса (татбиқ) кардан(и); ~ **почерков** муқоисаи хатҳо

сличительный, -ая, -ое ...и муқоиса, ...и татбиқ

сличить *сов. кого-что* муқоиса (татбиқ) кардан; ~ **копию с оригиналом** нусхаро бо аслаш татбиқ кардан

слишком *нареч.* аз ҳад зиёд, беандоза, бениҳоят; **вы написали** ~ **много** шумо аз ҳад зиёд навиштед; **это уже** ~**!** ин аз ҳад зиёд аст!; **не** ~ на чандон, на он қадар

слияни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **слить** 4) якҷоя (муттаҳид) кардан(и); (*по знач. гл.* **слиться** 1, 3) якшавӣ; ~**е предприятий** муттаҳид кардани корхонаҳо 2. ҷои якшавӣ; **город стоит у** ~**я двух рек** шаҳр дар ҷои як шудани ду дарьё воқеъ аст

слобода *ж* 1. *ист.* (*посёлок, квартал*) маҳалла, гузар, раста 2. (*большое село*) деҳа, қишлоқ; маҳалла 3. *уст.* (*посёлок около города*) шаҳрак

слободск||ой, -ая, -ое ...и маҳалла, ...и гузар; ...и деҳа; ~**ие жители** сокинони шаҳрча

слобожанин *м* сокини шаҳрак

слобожанка *женск. к* **слобожанин**

словак *м* словак

словаки *мн.* словакҳо (*яке аз халқҳои славянӣ*)

словарный, -ая, -ое ...и луғат, луғавӣ; ~ **состав таджикского языка** таркиби луғавии забони тоҷикӣ; ~ **сектор** сектори луғат

словарь *м* 1. луғат, китоби луғат, фарҳанг, қомус; **русско-таджикский** ~ луғати русӣ-тоҷикӣ; **толковый** ~ луғати тафсирӣ; **энциклопедический** ~ луғати энциклопедӣ; **карманный** ~ луғати кисагӣ 2. луғат, лексика, калимаҳо; ~ **русского языка** луғати забони русӣ

словацкий, -ая, -ое словакӣ, ...и словакҳо; ~ **язык** забони словакҳо

словачка *ж* словакзан, словакдухтар

словенец *м* словен

словенка *ж* словензан, словендухтар

словенский, -ая, -ое словенӣ, ...и словенҳо; ~ **язык** забони словенӣ

словенцы *мн. см.* **словены**

словены *мн.* словенҳо

словесник *м* 1. *уст.* адабиётшинос, забоншинос, филолог 2. муаллими забон ва адабиёт 3. *уст.* студенти шуъбаи забон ва адабиёт

словесница *уст. и разг. женск. к* **словесник**

словесно *нареч.* даҳанакӣ, шифоҳӣ; ~ **договориться** даҳанакӣ маслиҳат кардан

словесност||ь *ж уст.* 1. адабиёт; **теория** ~**и** назарияи адабиёт; **народная** ~**ь** адабиёти халқӣ 2. адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ◇ **изящная** ~**ь** адабиёти бадеӣ

словесн||ый, -ая, -ое 1. даҳанакӣ, шифоҳӣ, тақрирӣ; ~**ый приказ** фармони даҳанакӣ 2. адабӣ, забонӣ, луғавӣ; ~**ое наследие** мероси адабӣ 3. *уст.* ...и адабиётшиносӣ, ...и забоншиносӣ; ~**ый факультет** факултети адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ

словечко *с уменьш.-ласк. к* **слово** ◇ **замолвить (закинуть)** ~ **за кого-л., о ком-л.** ба манфиати касе як даҳан гап задан

словить *сов. кого-что прост.* даст гирифтан, доштан, қапидан

словник *м* луғатнома

словно *союз и частица разг.* 1. (*как, подобно*) мисли ..., монанди ..., ... барин; **было тепло,** ~ **весной** мисли баҳор гарм буд 2. (*как будто*) гуё, мисли он ки...; **нам показалось,** ~ **кто-то вошёл** ба назари мо чунин намуд, ки гӯё касе даромад

слов||о *с* 1. калима, сухан, гап; **русское** ~**о** калимаи русӣ; **активный запас слов** *лингв.* захираи калимаҳои серистеъмол; **словарь иностранных слов** луғати калимаҳои хориҷӣ; **напишите это** ~**о** ин калимаро нависед; **забросать кого-л.** ~**ами** бисьёр гап зада сари касеро гаранг кардан; **не сказать ни единого** ~**а** сухане нагуфтан 2. *тк. ед.* сухан, гап; **культура** ~**а** маданияти сухан; ~**о — серебро, молчание — золото** даҳони баста сад тилло; **дар** ~**а** 1) (*способность говорить*) қобилияти гапзанӣ, қувваи нотиқа 2) (*красноречие*) нотиқӣ, суханварӣ, гапдонӣ 3. *чаще мн.* **слова** гап, ҳарза, сафсата; **это одни** ~**а** ин фақат гап аст 4. *мн.* **слова** шеър; **музыка Глинки на** ~**а Пушкина** оҳанги Глинка, шеъри Пушкин 5. *уст.* гуфтор; **«Слово о полку Игореве»** «Гуфтор андар полки Игорь» 6. *тк. ед.* нутқ, сухан; **вступительное** ~**о** пешгуфтор, сарсухан; **заключительное** ~**о** нутқи хотимавӣ; **надгробное** ~**о** нутқи видоъ; **последнее** ~**о подсудимого** оҳирин сухани айбдор; **свобода** ~**а** озодии сухан; **предоставить (дать)** ~**о** сухан додан; **лишить** ~**а** аз сухан (аз нутқ) маҳрум кардан 7. *тк. ед.* ваъда, қавл; **дать** ~**о** ваъда додан; **нарушить** ~**о** аз қавли худ гаштан; **сдержать** ~**о** ба ваъда вафо кардан ◇ **новое** ~**о** кашфиёти нав; **первое** ~**о** 1) сарогоз, ибтидо 2) асл, моҳият; **последнее** ~**о** навтарин кашф; **право** ~**о** *прост.* қавл медиҳам, дар воқеъ, воқеан, ҳақиқатан; **честное** ~**о** ба ростӣ; **другими (иными)** ~**ами** *вводн. сл.* ба ибораи дигар, дигар хел карда гӯем; **одним** ~**ом** *вводн. сл.* қисса кӯтоҳ, хулласи калом; **своими** ~**ами** бо забони худ; **господин (хозяин) своего** ~**а (своему** ~**у)** ӯ аз қавли худ намегардад; **игра слов** суханбозӣ; **набор слов** ҳарза, сафсата; ~**о в** ~**о** айнан, ҳарф ба ҳарф; ~**о за слово** гап аз гап баромада; **слов нет** *вводн. сл.* ҳақиқатан, ин тавр аст; **без дальних слов** гапро гоз надода, суханро дароз накарда; **в двух (в нескольких) словах** мухтасар(ан), бо якчанд калима, мухтасар карда; **к слову [сказать]** *вводн. сл.* дар омади гап; **на два** ~**а**, **на пару слов** ба як [даҳан] гап; **на** ~**ах** даҳанакӣ; **передать на** ~**ах** даҳанакӣ баён кардан; **его обещание так и осталось на** ~**ах** ваъдаи у гап буду халос; **не говоря худого (дурного)** ~**а** ягон гапи ганда нагуфта; **по** ~**ам** *вводн. сл.* чунон ки гуфта шудааст; **со слов кого-л., чьих-л.** ба қавли касе; **с первого** ~**а** аз оғози сухан; **с чужих слов** аз рӯи гуфти касони дигар; **брать своё** ~**о обратно** аз гап гаштан; **бросать** ~**а на ветер, бросаться** ~**ами** беҳуда (пойдарҳаво) гап задан, ҳарзагӯӣ кардан; **верить на слово** ба гап бовар кардан; **глотать** ~**а** нимғурма гап задан; **держаться на честном** ~**е** амонат истодан; **живого** ~**а не услышишь** ягон ҳамсуҳбат нест; **ловить на** ~**е кого-л.** касеро аз гап доштан, аз касе қавл гирифтан; **не мочь (не уметь) связать двух слов** ду даҳан гап гуфта натавонистан; **не находить слов** бо сухан ифода карда натавонистан; **не хватает слов** аз баёнаш забон (қалам) оҷиз аст; **поминать добрым** ~**ом** ба некӣ ёд кардан; **помяните моё** ~**о** ман гуфтам, шумо шунидед; гуфти ман мешавад, ана мебинед; **сказать пару тёплых слов** *прост.* ду даҳан сухани хуш гуфтан; **сказать своё** ~**о** ҳунари худро нишон додан; **чеканить** ~**а** равшан ва бурро гап задан, дона-дона карда гап задан; ~**о — не воробей, вылетит — не поймаешь** *посл.* ≈ тир аз камон ҷаст — ҷаст, мурғ аз қафас раст — раст; **он за** ~**ом в карман не лезет** ӯ ҳозирҷавоб аст

словоблудие *с* суханфурӯшӣ, гапфурӯшӣ

словоизменение *с лингв.* тасриф

словолитн||ый, -ая, -ое *полигр.* ...и ҳарфрезӣ; ~**ое оборудование** таҷҳизоти ҳарфрезӣ

словолитня *ж уст.* устохонаи (корхонаи) ҳарфрезӣ

словом *вводн. сл.* алқисса, қисса кӯтоҳ, хулласи калом, хулоса; **он читал, писал,** ~, **много занимался** вай мехонду менавишт, хулоса, бисьёр машғул буд

словообразование *с лингв.* калимасозӣ

словообразовательн||ый, -ая, -ое *лингв.* ...и калимасозӣ, калимасоз; ~**ые аффиксы** аффиксҳои калимасоз

словоохотливость *ж* хушчакчакӣ

словоохо́тливый, -ая, -ое (словоохо́тлив, -а, -о) хушчакчак, чакчакӣ

словопре́ние *с книжн.* баҳс, мубоҳиса, гапгузаронӣ

словопроизво́дн||ый, -ая, -ое *лингв.* ...и калимасозӣ, калимасоз; ~**ые су́ффиксы** суффиксҳои калимасоз

словопроизво́дство *с лингв.* калимасозӣ

словосочета́ние *с* ибора

словотво́рчество *с* калимабофӣ

словоупотребле́ние *с* истеъмоли калима

словц||о́ *с разг.* калима, сухан ◇ **кра́сное** ~**о́** гапи пухта, бадеҳа; **ра́ди кра́сного** ~**а́** барои изҳори фазл; **кре́пкое** ~**о́** таъбири обдор, гапи дастабиринҷӣ

слог I *м лингв.* ҳиҷо; **откры́тый** ~ ҳиҷои кушод; **закры́тый** ~ ҳиҷои баста; **диктова́ть по** ~**а́м** ҳиҷо-ҳиҷо гуфтан

слог II *м (стиль)* услуб, тарзи ифода; **высо́кий** ~ услуби баланд; **у него́ лёгкий** ~ услубаш равон аст

слогов||о́й, -а́я, -о́е *лингв.* 1. ҳиҷоӣ, ...и ҳиҷо; ~**о́е письмо́** хати ҳиҷоӣ 2. *см.* **слогообразу́ющий**

слогообразу́ющий, -ая, -ее *лингв.* ҳиҷосоз

слогоразде́л *м лингв.* ҳудуди ҳиҷо

слоён||ый, -ая, -ое варақин; ~**ое те́сто** хамири варақин; ~**ый пирожо́к** санбусаи варақин; ~**ая лепёшка** қатлама

сложе́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **сложи́ть** 2, 4, 6) ҷамъ кардан(и); эҷод кардан(и); соқит кардан(и) 2. *мат.* ҷамъ; **пра́вила** ~**я** қоидаи ҷамъ 3. сохти бадан; **челове́к кре́пкого** ~**я** одами тануманд 4. *(строение вещества)* сохт

сло́женный *прич.* (сложен, -а, -о) гузоштагшуда; ҷамъ кардашуда; сохташуда

сложённ||ый, -ая, -ое (слож|ён, -ена́, -ено): **краси́во** ~**ая де́вушка** духтари хушқадду қомат

сложи́ть *сов. что* 1. гузоштан, ниҳодан, мондан, чидан; ~ **ве́щи в чемода́н** чизҳоро ба ҷамадон гузоштан 2. *мат.* ҷамъ кардан; ~ **не́сколько чи́сел** якчанд рақамро ҷамъ кардан 3. бино кардан, сохтан 4. *перен.* эҷод кардан, гуфтан, тасниф кардан; **шко́льники сложи́ли пе́сню** мактаббачагон суруде эҷод карданд 5. *с кого-чего* фуровардан; ~ **кирпичи́ с маши́ны** хиштро аз мошин фуровардан 6. *с кого перен.* аз гардан бардоштан, аз сар соқит кардан, халос (озод) кардан; ~ **с себя обя́занности дире́ктора** вазифаи директориро аз сари худ соқит кардан 7. қат (дуқат) кардан, таҳ кардан, гузоштан; ~ **ска́терть попола́м** дастархонро дуқат кардан; ~ **ру́ки на груди́** дастҳоро руи сина гузоштан ◇ ~ **ору́жие** таслим шудан; ~ **ру́ки** даст кашидан, дигар ба коре даст назадан; ~ **[свою́] го́лову** сар додан, ҷон супурдан, шаҳид шудан; **сиде́ть сложа́ ру́ки** бекор нишастан, даст ба киса зада гаштан

сложи́||ться *сов.* 1. *разг.* шарикона пул ҷамъ кардан; **они́** ~**лись и купи́ли мотоци́кл** онҳо шарики мотоцикл хариданд 2. *перен.* пайдо шудан, таркиб ёфтан, ба вуҷуд омадан; **обстоя́тельства** ~**лись уда́чно** вазъият баҷо буд 3. *перен.* муайян шудан, ташаккул ёфтан; **его́ хара́ктер вполне́** ~**лся** хосияти вай комилан ташаккул ёфтааст

сло́жно 1. *нареч.* мураккаб, печ дар печ, душвор; **кни́га напи́сана** ~ китоб мураккаб навишта шудааст 2. *в знач. сказ. безл.* мураккаб (душвор) аст; **э́то совсе́м не** ~ ин кор ҳеҷ душвор нест

сложноподчинённ||ый, -ая, -ое: ~**ое предложе́ние** *грам.* ҷумлаи мураккаби тобеъ

сложносочинённ||ый, -ая, -ое: ~**ое предложе́ние** *грам.* ҷумлаи мураккаби пайваст

сло́жност||ь *ж* мураккабӣ; печдарпечӣ, чигилӣ, душворӣ, мушкилӣ; ~**ь зада́чи** душвории масъала ◇ **в о́бщей** ~**и** ҷамъулҷамъ

сложноцве́тные *мн. бот.* мураккабгулон

сложн||ый, -ая, -ое (сло́ж|ен, -на́, -но) 1. *тк. полн. ф.* мураккаб; ~**ые вещества́** моддаҳои мураккаб; ~**ое предложе́ние** *грам.* ҷумлаи мураккаб 2. мураккаб; ~**ый проце́сс** процесси мураккаб; ~**ая констру́кция** сохти мураккаб 3. печ дар печ, чигил, душвор, мушкил; ~**ое положе́ние** аҳволи мушкил ◇ ~**ые проце́нты** *мат.* фоизи мураккаб

слои́стость *ж* табақа-табақа будан(и), қабат-қабат будан(и), варақ-варақ будан(и)

слои́ст||ый, -ая, -ое (слои́ст, -а, -о) табақа-табақа, қабат-қабат, варақ-варақ; қабатдор, варақин; ~**ые облака́** абрҳои қабат-қабат

слои́ть *несов. что* қабат-қабат кардан, варақин (варақ-варақ) кардан; ~ **те́сто** хамирро варақин кардан

слои́т||ься *несов.* 1. қабат-қабат (варақ-варақ) ҷудо шудан, ба қабатҳо ҷудо шудан; **фане́ра** ~**ся** фанера қабат-қабат ҷудо мешавад 2. *страд.* қабат-қабат ҷудо карда шудан, ба қабатҳо ҷудо карда шудан

сло||й *м* 1. табақа, қабат; ~**и гли́ны** қабати гил; **ни́жние** ~**и атмосфе́ры** табақаҳои поёнии атмосфера 2. *перен.* табақа; **широ́кие** ~**и населе́ния** табақаҳои васеи аҳолӣ ◇ **годи́чные** ~**и** *бот.* ҳалқаҳои солона

сло́йка *ж* 1. (*по знач. гл.* **слои́ть**) варақин кардан(и) 2. *разг.* қатлама

слом *м* 1. (*по знач. гл.* **слома́ть**) шикаст, вайронкунӣ; **дом идёт на** ~ ин хона вайрон карда мешавад 2. ҷои шикаста (шикаст)

слома́||ть *сов. что* шикастан, вайрон кардан; **он** ~**л себе́ но́гу** вай пояшро шикаст ◇ ~**ть зу́бы на чём-л.** дар иҷрои коре дандон шикастан; ~**ть себе́ ше́ю** гардани худро шикастан

слома́||ться *сов.* шикастан, вайрон шудан; **табуре́тка** ~**лась** сандалича шикаст; **каранда́ш** ~**лся** қалам шикаст

слом||и́ть *сов.* 1. *что* шикастан, шикаст додан; ~**и́ть ве́тку де́рева** шохи дарахтро шикастан 2. *кого-что перен.* бемадор кардан, аз қувват монондан; руҳафтода кардан; ~**и́ть сопроти́вление проти́вника** муқобилати душманро бархам додан; **её** ~**и́ло го́ре** уро ғаму алам зад ◇ ~**я́ го́лову** шитобон, саросемавор; **[сам] чёрт но́гу сломи́т** *прост.* сари кас гаранг мешавад

сломи́||ться *сов.* 1. шикастан; **сук** ~**лся** шохи дарахт шикаст 2. *перен.* бемадор шудан, аз қувват мондан; руҳафтода шудан; ~**ться от го́ря** аз ғаму алам руҳафтода шудан

сло́мка *ж см.* **слом** 1

слон *м* 1. фил 2. *шахм.* фил ◇ **де́лать из му́хи** ~**а́** аз пашша фил сохтан; аз гурба шер сохтан; ~**а́ не приме́тить** *ирон.* чизи асосиро надидан, бо чизҳои майда-чуйда овора шудан; ~ **на́ ухо наступи́л** *кому* дар мусиқӣ ҳафтафаҳм; **как (что)** ~**у́ дроби́на** филро пашша газидагӣ барин

слони́ха *ж* модафил, фили мода

слоно́вий, -ья, -ье *см.* **слоно́вый**; ~ **хо́бот** хартуми фил

слоно́вость *ж мед.* доъулфил, филпо *(як навъ касалӣ)*

слоно́в||ый, -ая, -ое ...и фил, филӣ; ~**ая кость** оҷ ~**ая боле́знь** *см.* **слоно́вость**

слоня́||ться *несов. разг.* сар-сарӣ (саланг-саланг) гаштан, овора шуда гаштан, саёқ-саёқ гаштан; **он** ~**лся по па́рку** вай дар чорбоғ сар-сарӣ мегашт; ~**ться без де́ла** бекор гаштан

сло́пать *сов. кого-что прост.* паққос задан

слуг||а́ *м* 1. хизматгор, пешхизмат, чокар, навкар; **наня́ть** ~**у́** хизматгор гирифтан 2. *перен.* хизматгор, навкар; **депута́т** — ~**а́ наро́да** депутат хизматгори халқ аст ◇ **ваш (твой) поко́рный** ~**а́** бандаи шумо, камтарини шумо; ~**а поко́рный** *ирон. (выражение отказа или несогласия)* ҳаргиз розӣ нестам; бисьёр мебахшед-да; ёфтед ғуломатонро!

служа́ка *м разг. чаще со словами «старый», «хороший», «добрый»* коркуни пуртаҷриба, хизматгори ботаҷриба *(одатан аз ҳарбиҳо)*; **ста́рый** ~ коркуни пуртаҷриба, коркуни кӯҳна

служа́нка *ж* канизак, хизматгорзан

слу́жащ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* хизматкунанда 2. *в знач. сущ.* **слу́жащий** *м* хизматчӣ; **слу́жащая** *ж* хизматчизан, хизматчидухтар; **рабо́чие и** ~**ие** коргарону хизматчиён

слу́жб||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **служи́ть** 1, 2, 4, 5, 6) хизмат; **нести́** ~**у** хизмат кардан 2. хизмат, кор; **поступи́ть на** ~**у** ба хизмат (ба кор) даромадан; **уйти́ со** ~**ы** аз кор баромадан; **действи́тельная** ~**а** *воен.* хизмати дар сафҳои қушун; **дви́гаться по** ~**е** дар хизмат пеш рафтан, ба мансаби баландтаре расидан 3. *разг.* идора, ҷои хизмат (кор); **моя** ~**а недалеко́ от до́ма** ҷои корам ба хона наздик аст 4. умур; ~**а движе́ния** *ж.-д.* умури наклиёти роҳи оҳан; ~**а**

времени *астр.* умури вақт; ~а **погоды** умури обу ҳаво; ~**а связи** умури алоқа 5. *церк.* ибодат, намоз 6. *мн.* **службы** *уст. (подсобные помещения)* анбор, ҳезумхона ◇ **не в ~у, а в дружбу** *погов.* ≈ агар хизмат нашавад, агар бемалол бошад; **сослужить ~у** *кому* хизмат кардан

службист *м* хизматчии зоҳирпараст, хизматчии майдакор

служебн||ый, -ая, -ое 1. ...и хизмат, ...и кор; ~**ые обязанности** вазифаҳои хизмат 2. ...и идора; ~**ое помещение** бинои идора; ~**ый вход** дари даромади хизматчиёни идора; ~**ые постройки** *уст.* биноҳои рӯи ҳавлӣ 3. *церк.* ...и ибодат 4. *перен.* ёридиҳанда, мададкунанда; ~**ая роль чего-л.** роли ёридиҳандаи чизе 5. *грам.* ёридиҳанда; ~**ые слова** калимаҳои ёридиҳанда

служение *с* (*по знач. гл.* **служить** 1, 2, 6) хизмат, кор, хизмат кардан(и); ибодат кардан(и); ~ **народу** ба халқ хизмат кардан(и); ~ **делу мира** дар роҳи сулҳ хизмат кардан(и)

служивый, -ая, -ое *уст.* 1. низомӣ, ҳарбӣ 2. *в знач. сущ. м* сарбоз, навкар

служил||ый, -ая, -ое: ~**ые люди** *ист.* навкарҳо *(тоифаи сарбозон дар Руси Қадим)*

служител||ь *м* 1. *уст. (слуга)* ходим, хизматгор, пешхизмат 2. ходим; ~**ь музея** ходими музей 3. *книжн. высок.* ходим, арбоб; ~**и науки** ходимони илм; ~**ь правосудия** арбоби адолат ◇ ~**и культа** *церк.* руҳониён

служить *несов.* 1. *кому-чему* хизмат (кор) кардан; ~ **народу** ба халқ хизмат кардан; ~ **науке** дар роҳи илм хизмат кардан; ~ **искусству** дар роҳи санъат хизмат кардан; ~ **верой и правдой** аз таҳи дил хизмат кардан 2. *кем-чем и без доп.* хизмат кардан, кор кардан; дар хизмати ҳарбӣ будан; ~ **машинисткой** машинистка шуда кор кардан; ~ **в армии** дар армия хизмат кардан 3. *уст. (быть слугой)* хизматгор будан 4. *чем, для чего, к чему, на что* будан; **это служит хорошим уроком** ин дарси хубе мебошад; ~ **доказательством** далел будан; ~ **на пользу обществу** ба фоидаи ҷамъият будан (рафтан); ~ **во вред кому-чему-л.** ба зарари касе, чизе будан 5. *кому, для чего, чем и без доп. (о частях тела, вещах, орудиях и т. п.)* будан; **большая комната служит столовой** хонаи калон ошхона аст 6. *что и без доп. церк.* ибодат кардан 7. *(стоять на задних лапах — о собаке)* рост истодан

служиться *несов. церк.* ба ҷо оварда шудан *(ибодат дар калисо)*

служка *м церк.* ходими (дайр, маъбад); ходими калиса

слукавить *сов.* ҳила (маккорӣ, муғамбирӣ) кардан

слупить *сов. прост.* 1. *что (содрать)* кандан, канда гирифтан 2. *с кого* гирифтан, ситондан; ~ **втридорога** сеచанд қимат фурухтан, се баробар зиёд гирифтан

слух *м* 1. шунавоӣ, қувваи сомеа, гӯш; **острый** ~ гӯши тез 2. мусиқифаҳмӣ, мусиқидонӣ; **петь (играть) по ~у** бе нота хондан (навохтан); **развивать** ~ қобилияти мусиқифаҳмиро мукаммал кардан 3. *перен.* овоза, хабар; **до нас дошёл ~, что...** ба мо хабаре расидааст, ки...; **не верить ~ам** ба овозаҳо бовар накардан; **по ~ам, они не приедут** аз рӯи овоза (шунид) онҳо намеоянд ◇ **ни ~у ни духу** *о ком-чём, от кого* на хату на хабар, ҳеҷ дарак нест; **навострить (насторожить)** ~ 1) гӯш ба қимор шудан 2) *(о животных)* гӯш сих кардан; **обратиться в** ~ ҳама тан гӯш шудан; **оскорбить** ~ *чей* гӯшхарош шудан; ~**ом земля полнится** *посл.* ≈ ҳама ҷо овозаю дарвоза

слухов||ой, -ая, -ое 1. ...и шунавоӣ, ...и сомеа; ~**ые органы** узвҳои сомеа; ~**ой нерв** асаби сомеа 2. ...и гӯшкунӣ; ~**ой аппарат** аппарати карҳо ◇ ~**ое окно** равзани бом

случа||й *м* 1. воқеа, ҳодиса; **непредвиденный** ~**й** воқеаи ногаҳонӣ; **несчастный** ~**й** бадбахтӣ, фалокат; **тяжёлый** ~**й** ҳодисаи сахт 2. *разг.* тасодуф, воқеаи тасодуфӣ; **счастливый** ~**й** тасодуфи нек; **это дело** ~**я** ин тасодуф аст 3. фурсат, маврид, мавқеъ; **удобный** ~**й** фурсати қулай; **мне представился** ~**й уехать** мавриди рафтанам омад; **упустить** ~**й** фурсатро аз даст додан; **воспользоваться** ~**ем** аз фурсат истифода бурдан 4. аҳвол, ҳол, сурат, вазъият; **такой** ~**й мы не предусмотрели** чунин вазъиятро мо пешбинӣ накардем; **в отдельных** ~**ях** баъзан, гоҳ-гоҳ; **для данного** ~**я** дар ин сурат ◇ **игра** ~**я** қазову қадар; **в** ~**е** *чего* агар, дар сурате агар; **в** ~**е чего** агар воқеае рӯй диҳад; **в крайнем** ~**е, на крайний** ~**й** ноилоҷ, агар дигар илоҷе набошад...; **в противном** ~**е** вагарна, дар акси ҳол; **в таком** ~**е** дар ин сурат, агар ин тавр бошад, он гоҳ; **во всяком** ~**е** ба ҳар ҳол; **на всякий** ~**й** ба ҳар эҳтимол; **на** ~**й** 1) эҳтиётан; **возьми денег на** ~**й возвращения поездом** эҳтиётан барои бо поезд баргаштан бо худ пул гир 2) барои... ба...; **на всякий пожарный** ~**й** барои эҳтиёт, ба ҳар қазову қадар; **ни в коем (ни в каком)** ~**е** ба ҳеҷ ваҷҳ, дар ҳеҷ сурат; **от** ~**я к** ~**ю** гоҳ-гоҳ, аҳъён-аҳъён; **по** ~**ю** 1) ба сабаби..., бинобар, ба муносибати...; **вечер по** ~**ю окончания учебного года** шабнишинӣ ба муносибати тамом шудани соли таҳсил 2) тасодуфан, иттифоқан, аз қазо; **купить (продать) по** ~**ю** тасодуфан харидан (фурухтан); **при** ~**е** дар омади гап, дар омади кор; **привёл бог** ~**й** худо расонд (дод), худо расонд, тақдир мададгор шуд

случайно 1. *нареч.* тасодуфан, иттифоқан, ногаҳон, нохост, аз қазо; ~ **познакомиться** тасодуфан ошно шудан 2. баъзан, номураттаб; **нам** ~ **попадались новые виды растений** ба мо баъзан хелҳои нави растаниҳо во мехурданд 3. *вводн. сл. разг.* тасодуфан; **вы,** ~**, с ним не знакомы?** тасодуфан, шумо бо вай шинос нестед? ◇ **не** ~ тасодуфӣ нест, бедарак нест; **его имя было упомянуто не** ~ тасодуфӣ нест, ки номаш зикр шудааст

случайность *ж* 1. тасодуф, тасодуфӣ будан(и), ногаҳонӣ; ~ **встречи** тасодуфӣ будани мулоқот 2. тасодуф, воқеаи тасодуфӣ; **счастливая** ~ тасодуфи нек; **нам помогла** ~ тасодуф ба мо ёр шуд 3. *филос.* тасодуф; ~ **и необходимость** тасодуф ва зарурат

случайн||ый, -ая, -ое (случа|ен, -йна, -йно) 1. тасодуфӣ, ногаҳонӣ, ногаҳон, нохост; ~**ое знакомство** шиносоии тасодуфӣ; ~**ая ошибка** хатои тасодуфӣ 2. ғайримураттаб, тасодуфӣ; ~**ый заработок** пули тасодуфӣ

случать *несов. см.* **случить**

случаться I *несов.* 1. *см.* **случиться** I; 2. **случается, случалось** *в знач. вводн. сл.* гоҳ-гоҳ, баъзан

случаться II *несов.* 1. *см.* **случиться** II; 2. *страд.* ҷуфтӣ кунонда шудан

случить *сов. кого с кем* ҷуфтӣ кунондан, насл гирондан

случи||ться I *сов.* 1. воқеъ шудан, рӯй додан, ба вуҷуд омадан, иттифоқ афтодан, тасодуф шудан; **что** ~**лось?** чӣ шуд?, чӣ ҳодиса рӯй дод? 2. *безл. кому-чему разг.* тасодуф шудан, иттифоқ афтодан; ~**лось мне как-то ночевать одному в горах** боре шабона танҳо дар кӯҳсор мондам

случиться II *сов. с кем* ҷуфтӣ кардан, насл гирифтан

случка *ж* (*по знач. гл.* **случить**) ҷуфтикунонӣ, наслгиронӣ; (*по знач. гл.* **случиться** II) ҷуфтикунӣ, наслгирӣ

случной, -ая, -ое ...и ҷуфтикунонӣ; ~ **пункт** пункти ҷуфтикунонӣ

слушание *с* (*по знач. гл.* **слушать** 1—3) гӯшкунӣ, гӯшдиҳӣ, шунидан(и); ~ **радиопередачи** радиошунавӣ

слушател||ь *м* 1. шунаванда, мустамеъ; ~**и концерта** шунавандагони концерт 2. талаба, шогирд, студент

слуша||ть *несов.* 1. *кого-что* шунидан, шунавидан, гӯш кардан (додан, андохтан); ~**ть музыку** мусиқӣ гӯш кардан; ~**ть лекцию** лекция шунидан (гӯш кардан) 2. *что* хондан, таҳсил кардан, омухтан; ~**ть курс астрономии** курси астрономияро омухтан 3. *что юр.* мурофиа кардан 4. *кого-что* гапи касеро гӯш кардан, итоат кардан; **он никого не** ~**ет** вай гапи ҳеҷ касро гӯш намекунад; ~**ть советы старших** гапи калонсолонро гӯш кардан ◇ ~**й!** диққат! ҳушёр бош!; ~**ю!** итоат!

слуша||ться *несов.* 1. *кого-чего* гапи *касеро* гӯш кардан, гапи *касеро* ба гӯш гирифтан, ба гапи *касе* даромадан, итоат (фармонбардорӣ) кардан; **он не** ~**ется родителей** вай ба гапи падару модараш намедарояд 2. *страд.* шунавида шудан; мурофиа карда шудан ◇ ~**юсь!** итоат!

слыть *несов. кем-чем, за кого-что разг.* ном баровардан, машҳур будан; **он слывёт прекрасным музыкантом** вай ҳамчун мутриби боҳунар ном баровардааст

слы́ханн||ый, -ая, -ое (слы́хан, -а, -о): **~ое (слы́хано) ли де́ло** *прост.* ин ачоиботро бинед, ки...

слыха́ть *несов.* 1. *см.* **слы́шать** 1, 3, 4; 2. *неопр. в знач. сказ. с отриц. разг.* шунида шудан; **о таки́х слу́чаях у нас не ~** ин гуна ҳодисаҳо дар мо ҳеҷ руй намедиҳанд 3. *в знач. вводн. сл. прост.* гуё, гуё ки..., аз афти кор; **а он, ~, уже́ уе́хал** аз афти кор, вай аллакай рафтааст

слы́хива||ть *многокр. к* **слыха́ть** 1, **слы́шать** 1, 3; **об э́том мы не раз ~ли** дар ин хусус мо борҳо шунидем

слы́хом *нареч. разг.*: **~ не слыха́ть** *о ком-чём* тамоман бехабар будан

слы́ш||ать *несов.* 1. *кого-что* шунидан, шунавидан; **я вас пло́хо ~у** ман шуморо дуруст намешунавам; **он ~ал на́ши голоса́** вай овозҳои моро шунида буд 2. шунавидан, қувваи сомеа доштан; **он не ~ит** вай намешунавад, гушаш кар аст 3. *что, о ком-чём, про кого-что и с придат. доп.* шунидан, бохабар будан; **мы ~ли, что ле́кция перенесена́** мо шунидем, ки лекция мононда шудааст 4. *что перен. разг.* ҳис кардан, фаҳмидан; **мы ~ли ве́яние ветерка́** мо вазидани бодро ҳис кардем ◇ **не ~ть земли́ под собо́й** *уст.* аз шодӣ ба куртаи худ нағунҷидан; **не ~ть ног под собо́й** 1) *(быстро бежать)* тез давидан 2) *(сильно устать от ходьбы)* аз по мондан, бисьёр шалпар шудан 3) *(от радости, восторга)* аз шодӣ ба куртаи худ нағунҷидан

слы́ша||ться *несов.* 1. шунида шудан, ба гӯш расидан; **под окно́м ~лись шаги́** дар таги тиреза шарфаи по ба гӯш мерасид 2. *перен.* ҳис карда шудан, фаҳмида шудан; **в её го́лосе ~лись слёзы** овозаш гирьяолуд буд // *в знач. сказ. безл. (казаться)* намудан

слы́шимост||ь *ж* 1. шунавоӣ, шунидашавӣ; **сего́дня хоро́шая ~ь** имруз нағз шунида мешавад 2. қобили шунид; **на́ша ра́ция оказа́лась вне зо́ны ~и** рацияи мо берун аз минтақаи шунид буд

слы́шно 1. *в знач. сказ. безл.* шунида мешавад; **отсю́да пло́хо ~** аз ин ҷо бад шунида мешавад 2. *в знач. сказ. безл. о ком-чём* хабаре хаст, дарак хаст; **об их прие́зде ничего́ не ~** аз омаданашон хабаре нест 3. *в знач. вводн. сл. прост.* мегӯянд ки..., чунон ки мегӯянд, гуфта мешавад; **в э́том году́, ~, бу́дет холо́дная зима́** мегӯянд, ки имсол зимистон хунук мешавад ◇ **что ~?** чӣ хабар?, чӣ хабари нав?; **~ как му́ха пролети́т** бисьёр ором, хомушии том

слы́шный, -ая, -ое (слы́ш|ен, -на́, -но) 1. шунаво; **вдали́ зарокота́л е́ле ~ гром** аз дур гулдурроси ба зӯр шунавон раъд ба гӯш расид 2. *тк. кр. ф. в знач. сказ.* шунида мешавад; **отсю́да не слы́шен у́личный шум** мағали кӯча ба ин ҷо намеояд

слышь *вводн. сл. прост.* дон, бидон

слюби́ться *сов. прост.* ба ҳамдигар меҳр бастан; хуш омадан, форам будан

слюда́ *ж мин.* абрак

слюди́ст||ый, -ая, -ое *мин.* абрақдор; **~ые поро́ды** ҷинсҳои абрақдор

слюдян||о́й, -а́я, -о́е ...и абрақ, абрақӣ; **~о́е око́шко** тирезачаи абрақӣ

слюн||а́ *ж* оби даҳан ◇ **глота́ть ~у́** оби даҳан равондан

слю́ни *тк. мн. разг. см.* **слюна́** ◇ **глота́ть ~** *см.* **слюна́ (глота́ть слюну́)**; **распусти́ть ~** *прост. презр.* оҷиз шудан, даҳаньяла шудан

слюни́ть *несов. что* бо оби даҳан тар кардан, бо оби даҳан олондан; **~ па́льцы** ангуштҳоро бо оби даҳан тар кардан

слю́нк||а *ж уменьш. к* **слюна́** ◇ **~и теку́т** ҳаваси кас меояд, оби даҳан меравад; **глота́ть ~и** оби даҳан равондан

слю́нн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и оби даҳан; **~ые же́лезы** ғадудҳои оби даҳан

слюноотделе́ние *с физиол.* обидаҳанравӣ, рафтани оби даҳан; **оби́льное ~** ба миқдори зиёд рафтани оби даҳан

слюноотдели́тельный -ая, -ое *физиол.* ...и обидаҳанравӣ

слюнотече́ние *с мед.* ифрози луоб *(зиёд рафтани оби даҳан ҳангоми гирифтор шудан ба баъзе бемориҳо)*

слюнтя́й *м разг.* ноӯҳдабаро, лаллук, ҳапал

слюнтя́йка *женск. к* **слюнтя́й**

слюнтя́йский, -ая, -ое ...и ноуҳдабаро, ноуҳдабароёна

слюнтя́йство *с разг.* ноӯҳдабароӣ, лаллукӣ, ҳапалӣ

слюня́вить *несов. разг. см.* **слюни́ть**

слюня́виться *несов.* бо оби даҳан тар карда шудан

слюня́вчик *м* пешгирак

слюня́вый, -ая, -ое *разг.* даҳаньяла

сляб *м тех.* сабикаи пӯлод

сля́бинг *м тех.* слябинг *(дастгоҳи тайёр кардани сабикаи пулод)*

сля́бинговый, -ая, -ое *тех.* ...и слябинг, слябинги

сля́котно *в знач. сказ. безл. разг.* лой аст; **на дворе́ ~** берун (куча) лой аст

сля́котн||ый, -ая, -ое (сля́кот|ен, -на, -но) *разг.* нам, лойдор, серлой; **~ая пого́да** ҳавои нам

сля́коть *ж* лой, балчиқ; ҳавои сернам; **осе́нняя ~** ҳавои нами тирамоҳ; **на дворе́ ~** берун лой аст

сма́зать *сов.* 1. *кого-что* молидан; **~ го́рло йо́дом** ба гулӯ йод молидан 2. *что* кӯр кардан, олондан; **~ напи́санное** чизи навишташударо кӯр кардан 3. *что перен. разг.* болои гапро пӯшондан, мучмал кардан; **~ вопро́с** масъаларо мучмал кардан 4. *кого по чему перен. прост.* задан, сахт задан

сма́заться *сов. разг.* 1. ба худ молидан; **~ йо́дом** ба тани худ йод молидан 2. *(стереться)* кур шудан, рафтан 3. *перен.* мучмал шудан

сма́зка *ж* 1. *(по знач.* **сма́зать** 1) молиш, молидан(и); **~ колёс** ба чархҳо равғанмолӣ 2. равғани молиданӣ, чизи молиданӣ; **~ для лыж** равғани лыжа

смазли́вость *ж разг.* хушрӯӣ

смазли́в||ый, -ая, -ое (смазли́в, -а, -о) *разг. (о человеке)* хушруй, хушруяк; *(о лице)* зебо, зебояк; **~ое ли́чико** руяки зебо

смазн||о́й, -ая, -о́е қатрон молида мешудагӣ; **~ые сапоги́** музаҳои қатрон молида мешудагӣ

сма́зочн||ый, -ая, -ое молиданӣ; **~ые масла́** равғанҳои молиданӣ

сма́зчик *м* равғанмол

сма́зчица *женск. к* **сма́зчик**

сма́зывание *с (по знач. гл.* **сма́зать** 1—3) молиш, молидан(и); мучмалкунӣ

сма́зывать *несов. см.* **сма́зать**

сма́зываться *несов.* 1. *см.* **сма́заться**; 2. *страд.* молида шудан

смак *м разг.* 1. мазаи лазиз, таъми хуш; **в э́тих ды́нях осо́бый ~** ин харбузаҳо мазаи махсус доранд 2. лаззат, шавқ, завқ; **есть со ~ом** бо иштиҳо хӯрдан 3. *перен.* мағз, моҳият; **в э́том весь ~ его́ расска́за** мағзи махсуси ҳикояаш дар ин аст

смакова́ть *несов. что разг.* 1. бо завқ (бо иштиҳо) хурдан, маза карда хурдан (нушидан); **~ обе́д** таомро маза карда хурдан 2. *перен.* мазакунон коре кардан, бо лаззати тамом коре кардан

сма́лец *м обл.* чарбуи об кардашуда

смалоду́шничать *сов. разг.* буздилӣ (беҷуръатӣ, тарсончакӣ) кардан

сма́лу *нареч. прост.* аз бачагӣ, аз хурдсолӣ; **он ~ приу́чен к труду́** вай аз бачагӣ ба меҳнат омӯхта шудааст

сма́лывать *несов. см.* **смоло́ть**

сма́лываться *несов.* 1. *см.* **смоло́ться**; 2. *страд.* кӯфта шудан

сма́льта *ж* смальта *(шишарезаҳои рангин барои хотамкорӣ)*

сма́нивать *несов. см.* **смани́ть**

сма́ниваться *несов. страд.* фирефта ҷалб карда шудан

смани́||ть *сов. кого-что разг.* 1. дон партофта ҷалб кардан; **кур ~ли зерно́м** мурғонро дон партофта ҷалб карданд 2. *перен.* фирефтан, фирефта ба тарафи худ кашидан, фирефта ҷалб кардан; **~ть на другу́ю рабо́ту** фирефта ба кори дигар кашидан

смара́гд *м уст. см.* **изумру́д**

смара́гдовый, -ая, -ое *уст. см.* **изумру́дный**

сма́рк||а *ж*: **пойти́ на ~у** бар бод рафтан, ройгон шудан

смастери́||ть *сов. что разг.* сохтан, дуруст кардан; **он ~л в саду́ скаме́йку** вай дар боғ харак сохтааст

сма́тывать *несов. см.* **смота́ть**

сма́тываться *несов.* 1. *см.* **смота́ться**; 2. *страд.* печонда шудан

сма́хивать I *несов. см.* **смахну́ть**

сма́хива||ть II *несов. на кого-что разг.* андак монанд будан; **сын ~ет на мать** писар андак ба модараш монанд аст; **э́то ~ет на ложь** ин дурӯғ барин аст

смахну́ть *сов.* 1. *что* рӯфта партофтан, афшондан, пок кардан; **~ пыль с подоко́нника** чанги таги тирезаро пок кардан 2. *кого* зада ҳай (пеш) кардан,

зада дур кардан; ~ **с рукѝ комара́** пашшаро аз болои даст ҳай кардан

смачивать *несов. см.* **смочи́ть**

сма́чиваться *несов.* 1. *см.* **смочи́ться;** 2. *страд.* нам карда шудан

сма́чно *нареч. разг.* 1. болаззат, бамаза, бо иштиҳо; ~ **есть** бо иштиҳо хурдан 2. бо шавқ, бо завқ, бо шавқу завқ, бо лаззат; ~ **расска́зывать** бо завқ ҳикоя кардан

сма́чн||ый, -ая, -ое (сма́ч|ен, -на, -но) *разг.* 1. бамаза, хуштаъм, болаззат; ~**ые щи** шурбои бамаза 2. бо шавқу завқ, таъсирбахш, ботаъсир; ~**ое словцо́** сухани обдор, сухани дастабиринҷӣ

смежа́ть *несов. см.* **смежи́ть**

смежа́ться *несов.* 1. *см.* **смежи́ться;** 2. *страд.* пушонда шудан

смежи́||ть *сов. что книжн. поэт.* пушидан, пушондан; ~**ть ве́ки** чашмро пушидан; **сон** ~**л глаза́** хоб чашмро пушонд

смежи́||ться *сов. книжн. поэт.* пушида шудан; **глаза** ~**лись** чашм пушида шуд

сме́жник *м разг.* муассисаи наздикихтисос

сме́жность *ж* 1. ҳамҳудудӣ, ҳамсоягӣ, ҳамҷаворӣ; ~ **земе́льных уча́стков** ҳамҳудудии китъаҳои замин 2. *перен.* наздикӣ, наздик будан(и); ~ **интере́сов** наздикии манфиатҳо

сме́жн||ый, -ая, -ое (сме́ж|ен, -на, -но) 1. ҳамҳудуд, ҳамсоя, муҷовир; ~**ые ко́мнаты** хонаи ҳамшафат 2. *перен.* наздик, ба ҳам наздик; ~**ые профе́ссии** ихтисосҳои ба ҳам наздик; ~**ые предприя́тия** муассисаҳои наздикихтисос; ~**ые поня́тия** мафҳумҳои ба ҳам наздик

смека́листый, -ая, -ое (смека́лист, -а, -о) *разг.* зирак, хушфаҳм, бофаросат, доно

смека́лк||а *ж разг.* зиракӣ, фаҳм, фаросат, зеҳн; **вое́нная** ~**а** фаросати ҳарбӣ; **у него́** ~**и не хвата́ет** фаҳмаш намерасад

смека́ть *несов. в чём и без доп. разг.* фаҳмидан, пай бурдан, бо фаросат дарьёфтан; вай ин корро мефаҳмад

смекну́||ть *сов. см.* **смека́ть; он бы́стро** ~**л, что оши́бся** вай зуд фаҳмид, ки хато кардааст

смеле́ть *несов.* ҷасур (далер) шудан, ҷуръат пайдо кардан

сме́ло *нареч.* 1. ҷасурона, далерона, диловарона, бо ҷасорат; **он поступи́л** ~ вай ҷасурона рафтор кард 2. *разг.* бемалол, озодона, баҳузур; **вы мо́жете** ~ **расположи́ться в э́той ко́мнате** шумо бемалол метавонед дар ин хона ҷой гиред

сме́лост||ь *ж* 1. ҷасурӣ, далерӣ, диловарӣ, ҷуръат, ҷасорат, далерона будан(и); ~**ь посту́пка** далерона будани рафтор; **у него́ не хвати́ло** ~**и призна́ть свою́ неправоту́** вай ҷуръат накард, ки ноҳақ будани худро эътироф кунад 2. ҷиддият, қатъият; ~ **реше́ния** қатъияти тасмим ◇ **брать (взять) на себя́** ~**ь** ҷуръат кардан; ~**ь города́ берёт** *погов.* далер дар ҳама ҷо ғолиб

сме́л||ый, -ая, -ое (смел, -а́, -о) 1. нотарс, ҷасур, далер, диловар, бошуҷоат; ~**ый во́ин** сарбози диловар; ~**ое лицо** чеҳраи босалобат; ~**ый посту́пок** кирдори ҷасурона // *в знач. сущ.* **сме́лый** *м* ҷасур, диловар 2. ҷиддӣ, катъӣ; ~**ая мысль** ақидаи ҷиддӣ; ~**ый шаг** иқдоми қатъӣ 3. бебок(она); ~**ая шу́тка** ҳазли бебокона

смельча́к *м разг.* ҷасур, нотарс, бебок, далер

сме́н||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **смени́ть**) ивазкунӣ, дигаркунӣ, бадалкунӣ; (*по знач. гл.* **смени́ться**) ивазшавӣ, дигаршавӣ, бадалшавӣ; табдил, тағьир; ~**а карау́ла** ивазкунии посбонон; ~**а настрое́ния** дигаршавии кайфият; ~**а впечатле́ний** табдили таассурот 2. (*промежуток времени*) смена; **у́тренняя** ~**а ко́нчилась** сменаи пагоҳӣ тамом шуд; **рабо́тать во втору́ю** ~**у** дар сменаи дуюм кор кардан; **шко́ла рабо́тает в одну́** ~**у** мактаб як смена кор мекунад 3. (*группа людей*) смена; **на́ша** ~**а заступа́ет в четы́ре часа́** сменаи мо дар соати чор ба кор шуруъ мекунад 4. *перен.* ҷойнишин; **гото́вить себе́** ~**у** барои (ба) худ ҷойнишин тайёр кардан; **молодёжь — наша** ~**а** ҷавонон ҷойнишини мо мебошанд 5. либоси тоза; ~**а белья́** як даста либоси тоза ◇ **на** ~**у** *кому-чему* 1) барои иваз кардан; **на** ~**у пришли́ шко́льники** барои иваз кардан мактаббачагон омаданд 2) аз паи ... , аз қафои ... , баъди ... , баъд аз, пас аз; **на** ~**у но́чи идёт день** аз паи шаб руз мешавад

смени́||ть *сов.* 1. *кого-что* дигар (иваз) кардан, тағьир додан, табдил (бадал) кардан; ~**те о́бувь** пойафзолро иваз кунед; **дежу́рного** ~**ли** навбатчиро дигар карданд 2. *что перен.* ҷои *чизеро* гирифтан, ба ҷои *касе* ё *чизе* гузаштан; **ле́то** ~**ла я́сная о́сень** ҷои тобистонро тирамоҳи ҳавояш соф гирифт ◇ ~**ть гнев на ми́лость** аз қаҳр фуромадан

смени́||ться *сов.* 1. дигар (иваз, бадал) шудан; тағьир шудан, табдил ёфтан; **мы** ~**лись ве́чером** бегоҳӣ ба ҷои мо сменаи дигар омад 2. *перен. чем* ҷой гирифтан, гаштан; **дождь** ~**лся сне́гом** борон ба барф гашт

сме́нност||ь *ж* ивазшавандагӣ; **гра́фик** ~**и** ҷадвали ивазшавандагӣ

сме́нн||ый, -ая, -ое 1. *тех.* ...и ивазшавӣ, ...и дигаршавӣ, ивазшаванда; ~**ые дета́ли маши́ны** қисмҳои ивазшавандаи мошин 2. ...и смена; ~**ая рабо́та** кори смена; ~**ый ма́стер** устои смена; ~**ое собра́ние** маҷлиси смена

сме́нщик *м* сменачӣ, навбатчӣ

сме́нщица *женск. к* **сме́нщик**

сменя́емость *ж* қобилияти тағьирьёбӣ, ивазшавандагӣ; ~ **обще́ственных форма́ций** ивазшавандагии формацияҳои ҷамъиятӣ

сменя́ем||ый, -ая, -ое (сменяем, -а, -о) *прич.*, *прил.* ивазшаванда, бадалшаванда; ~**ые запча́сти** қисмҳои эҳтиётии ивазшаванда

сменять I *несов. см.* **смени́ть**

сменя́ть II *сов. кого-что разг.* бадал (иваз) кардан ◇ ~ **куку́шку на я́стреба** *погов.* сузанро гирифта болорро бой додан

сменяться *несов.* 1. *см.* **смени́ться;** 2. *страд.* дигар (иваз, бадал) карда шудан

смерд *м ист.* 1. смерд (*тоифаи чорьяккорон дар Руси Қадим*) 2. омӣ, қароча, батрак, ғулом

смерд||е́ть *несов.* буи бад овардан, бадбуй шудан; ~**и́т** *безл.* буи бад меояд

смерза́ние *с* (*по знач. гл.* **смёрзнуться**) ба ҳамдигар часпидани ях; ~ **кусо́чков льда** ба ҳамдигар часпидани яхпораҳо

смерзаться *несов. см.* **смёрзнуться**

смёрзнуться *сов.* ях карда ба ҳамдигар часпидан

сме́рить *сов. кого-что разг.* андоза гирифтан, чен кардан, таноб кардан; ~ **рост** қоматро чен кардан; ~ **длину́** дарозиро чен кардан ◇ ~ **взгля́дом (глаза́ми)** мағрурона чашм духтан

смерка́||ться *несов. безл.* торик (шом, говгум) шудан; **уже́** ~**ется** аллакай торик шуда истодааст

сме́ркнуться *сов. см.* **смерка́ться**

смерте́льно *нареч.* 1. ҳалоҳил, мурданӣ; **он** ~ **бо́лен** вай касали мурданӣ аст 2. *перен.* мурдавор, аз ҳад зиёд, бениҳоят; ~ **оби́деться** сахт хафа шудан; **мне э́то** ~ **надое́ло** ин чиз маро аз ҷонам безор кард

смерте́льность *ж книжн.* муҳликӣ, ҳалокатоварӣ, муҳлик будан(и); ~ **ра́ны** ҳалокатоварии ҷароҳат

смерте́льн||ый, -ая, -ое (смерте́|лен, -льна, -льно) 1. муҳлик, ҳалокатовар, марговар, қотил, ҳалоҳил; ~**ая ра́на** захми муҳлик; ~**ый бой** ҷанги шадид 2. *перен.* мурдавор, зур, аз ҳад зиёд, бениҳоят, сахт; ~**ый страх** ваҳми бениҳоят; ~**ая не́нависть** адовати зур; ~**ая опа́сность** хатари сахт ◇ ~**ый враг** душмани ашаддӣ

сме́ртник *м* маҳкуми қатл

сме́ртност||ь *ж* 1. миқдори фавт; **паде́ние** ~**и** кам шудани миқдори фавт 2. *книжн.* фано

сме́ртн||ый, -ая, -ое (сме́рт|ен, -на, -но) 1. миранда, ...и марг, ...и фано; **лю́ди** ~**ы** умри одам кутох аст 2. *в знач. сущ.* **сме́ртный** *м* одам, инсон 3. ...и мурдан, ...и қатл; ~**ая казнь** ҷазои қатл 4. *перен.* мурдавор, зур, бениҳоят, аз ҳад зиёд, сахт; ~**ая тоска́** ғуссаи бениҳоят ◇ ~**ый грех** гуноҳи азим; ~**ый слу́чай** марг, фавт; ~**ый час** дами вопасин; **на** ~**ом одре́** дар бистари марг

смертоно́сность *ж* марговар будан(и), муҳликӣ, ҳалокатоварӣ; ~ **ору́жия** муҳликии аслиҳа

смертоно́сн||ый, -ая, -ое (смертоно́с|ен, -на, -но) марговар, муҳлик, ҳалокатовар, қотил; ~**ое ору́жие** аслиҳаи марговар

смертоуби́йственный, -ая, -ое (смертоуби́йствен, -на, -но) кушанда, қотил

смертоубийство *с прост.* кушиш, одамкушӣ, кушокушӣ

смерт||ь *ж* 1. марг, аҷал, вафот, мамот, фавт; **есте́ственная** ~**ь** марги табиӣ; **наси́льственная** ~**ь** катл; **преж-**

девре́менная ~ь марги бемаҳал; скоропости́жная ~ь марги муфоҷот; биологи́ческая ~ь марги биологӣ; клини́ческая ~ь марги клиникӣ; не боя́ться ~и аз марг натарсидан 2. *в знач. нареч. разг.* хеле, аз ҳад зиёд, фавқулодда; ~ь, как хо́чется спать бисьёр хоб зер карда истодааст ◇ бле́дный как ~ь ба рӯяш ҷанги лаҳад задааст; вопро́с жи́зни и ~и масъалаи ҳаёту мамот; в когтя́х ~и дар ҷанголи аҷал; до́ сме́рти бисьёр, хеле, аз ҳад зиёд, бениҳоят; ме́жду жи́знью и ~ью байни ҳаёту мамот; не на жизнь, а на ~ь ҷонро дареғ надошта; ё ҳаёт ё мамот гуфта; быть на волосо́к от ~и ба қил овезон истодан; игра́ть со ~ью ҷонбозӣ кардан; умере́ть свое́й ~ью бо аҷали худ мурдан; двум ~ям не быва́ть, а одно́й не минова́ть *погов.* ≈ як руз шудан, як рӯз мурдан; на миру́ и ~ь красна́ *посл.* ≈ марги бо ёрон (бо дустон) туй аст

смерч *м* гирдбод; водяно́й ~ гирдоб; песча́ный ~ гирдбоди рег

смерчево́й, -а́я, -о́е ...и гирдбод; ~ столб сутуни гирдбод

смеси́тель *м. тех.* аралашкунак, аралашкунанда (1. *мошин барои тайёр кардани махлутҳо* 2. *қисми механизм аст, ки дар он ягон модда аралаш карда мешавад)*

смеси́тельный, -ая, -ое *тех.* ...и аралашкунак

смести́ *сов.* 1. *что* руфтан, руфта партофтан, пок кардан; ~ пыль с подоко́нника ҷанги токчаи тирезаро пок кардан 2. *что* руфта туб кардан, руфта якҷоя кардан; ~ му́сор в у́гол ахлотро руфта дар кунҷ туб кардан 3. *кого-что перен.* нобуд (несту нобуд) кардан; револю́ция смела́ эксплуата́торов револютсия истисморкунандагонро несту нобуд кардааст ◇ ~ с лица́ земли́ несту нобуд кардан

смести́ть *сов.* 1. *кого* маъзул кардан, аз кор гирифтан, аз кор холӣ кардан; ~ с поста́ заве́дующего аз вазифаи мудирӣ холӣ кардан 2. *что* ҷойгардон кардан, ҷои чизеро иваз (дигар) кардан; ~ объекти́в микроско́па объективи микроскопро дигар кардан 3. *что перен.* таҳриф кардан; ~ поня́тия о добре́ и зле мафҳуми неку бадро таҳриф кардан

смести́||ться *сов.* 1. ҷойгардон шудан, аз ҷои худ беҷо шудан, мавқеи худро дигар кардан; плечево́й суста́в при вы́вихе ~лся банди кифт аз ҷои худ беҷо шуд 2. *перен.* дигар шудан, тағйир ёфтан

смесь *ж* аралаш, омезиш, омехта; ~ сти́лей омезиши услубҳо; горю́чая ~ сузишвории омехта

сме́т||а *ж* смета; ~а расхо́дов сметаи хароҷот; соста́вить ~у смета тартиб додан; утверди́ть ~у сметаро тасдиқ кардан

смета́на *ж* қаймоқ

смета́ть I *несов. см.* смести́

смета́ть II *сов. что* кук кардан; ~ пла́тье куртаро кук кардан

смета́ть III *сов. что с.-х.* ғарам кардан; ~ се́но хасбедаро ғарам кардан

смётка *ж разг.* зиракӣ, фаҳм, фаросат, зеҳн

смётливость *ж* зиракӣ, хушфаҳмӣ, фаросатнокӣ

смётливый, -ая, -ое (сметлив, -а, -о) зирак, хушфаҳм, бофаросат; ~ ребёнок кудаки зирак

сме́тн||ый, -ая, -ое *фин.* ...и смета, сметагӣ; ~ые ассигнова́ния маблағи смета

смётывать I, II *несов. см.* смета́ть II, III

сметь *несов.* 1. ҷуръат кардан, диловар шудан, ҳад доштан; как вы сме́ете э́то де́лать? ба ин кор ҷӣ хел ҷуръат кардед?; как он смел уе́хать? вай ҷӣ хел ҷуръат кард, ки равад? 2. *чаще с отриц.* ҳад (ҳақ) надоштан; он не сме́ет так себя́ вести́ вай ҳақ надорад, ки ин тавр рафтор кунад ◇ не сме́й(те) уходи́ть! нарав(ед)!; не ~ дохну́ть нафас ях шудан, дам набаровардa мондан

смех *м* 1. ханда; зарази́тельный ~ хандаи завқовар; саркасти́ческий ~ заҳрханда; гомери́ческий ~ хандаи баланд; разрази́ться ~ом якбора хандидан; меня́ разбира́ет ~ хандаам меояд; его́ души́т ~ вай ба зӯр хандаашро медорад 2. *в знач. сказ. прост.* ханда аст, масхара аст; не рабо́та, а ~ ин кор нест, масхара аст ◇ ~ сквозь слёзы хандаи гирьяолуд; [и] ~ и го́ре (грех) ҳам хандаи кас меояд, ҳам гирьяаш; ~а ра́ди барои шухӣ; ~у подо́бно *прост. пренебр.* ин масхара аст; без ~у ҷиддӣ, бе ҳазл; на́ смех барои ханда, барои ҳазл; не до ~у вақти ханда (ҳазл) не; ку́рам на смех хара ханда, буза бозӣ; валя́ться (ката́ться, па́дать, ло́пнуть) со смеху (от ~а) аз ханда рудакан шудан; надорва́ть животы́ (живо́тики) со́ смеху аз ханда рудакан шудан

смехотво́рность *ж* хандаоварӣ; ~ мотивиро́вки хандаовар будани далел

смехотво́рн||ый, -ая, -ое (смехотво́р|ен, -на, -но) хандаовар; ~ое предложе́ние таклифи хандаовар

сме́шанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* аралаш кардашуда, омехташуда 2. *прил.* дурага; ~ые поро́ды скота́ зотҳои дурагаи ҷорво 3. *прил.* гуногун, ҳар хел, ҳархела; ~ые поро́ды *геол.* ҷинсҳои гуногун; ~ый гул толпы́ ғалоғулаи мардум ◇ ~ый лес ҷангали омехта; ~ое число́ *мат.* адади омехта

смеша́||ть *сов.* 1. *что* аралаш (қатӣ) кардан, омехтан; ~ть два со́рта муки́ ду хел ордро омехта аралаш кардан; ~ть не́сколько сорто́в я́блок якчанд хел себро аралаш кардан // омехтан; ~ть добро́ и зло некию бадиро ба ҳам омехтан 2. *что перен. разг.* аралаш (бетартиб) кардан; ~ть ка́рты қартаҳоро аралаш карда партофтан 3. *кого-что разг.* монанд кардан; вы меня́ с ке́м-то ~ли шумо маро ба касе монанд карда нашинохтед ◇ ~ть с гря́зью *кого* туҳмат (бадном, сиёҳ) кардан

смеша́||ться *сов.* 1. аралаш (қатӣ, омехта) шудан; гли́на ~лась с песко́м гил бо рег омехта шудааст 2. *перен.* ҷигил шудан, аралаш (печ дар печ) шудан, бетартиб шудан; его́ мы́сли ~лись фикрҳояш дарҳам-барҳам шуд 3. як (қатӣ) шудан; ~ться с толпо́й бо издиҳом қатӣ шудан 4. саросема (ошуфта) шудан; он ~лся и замолча́л вай саросема шуду хомуш гашт

смеше́ние *с* 1. (*по знач. гл.* смеша́ть 1—3) аралашкунӣ, қатикунӣ, омехтакунӣ; бетартибкунӣ; (*по знач. гл.* смеша́ться 1—3) аралашшавӣ, қатишавӣ 2. *см.* смесь

сме́шивание *с* (*по знач. гл.* смеша́ть) аралаш (омехта) кардан(и); (*по знач. гл.* смеша́ться) аралаш (омехта) шудан(и)

сме́шивать *несов. см.* смеша́ть

сме́шиваться *несов.* 1. *см.* смеша́ться 1—3; 2. *страд.* аралаш (қатӣ) карда шудан

смеши́нка *ж разг.* ҷашмони пурханда ◇ ~ в рот попа́ла кому́-л. хандааш гирифтааст, хандааш омадааст, даҳонаш пури ханда

смеши́||ть *несов. кого-что* хандондан; не ~те меня́ маро нахандонед

смешли́вость *ж* серхандагӣ, хандонрӯӣ

смешли́в||ый, -ая, -ое (смешли́в, -а, -о) хандон, хандонрӯ, ҷоқ; ~ый ма́льчик бачаи хандонру; ~ое настрое́ние табъи ҷоқ

смешно́ 1. *нареч.* хандаовар, ба таври хандаовар; ~ расска́зывать хандонда нақл кардан 2. *в знач. сказ. безл. кому-чему и с неопр.* хандаовар аст; мне ~ барои ман хандаовар аст; э́то совсе́м не ~ ин ҷои ханда надорад

смешн||о́й, -а́я, -о́е (смеш|о́н, -на́, -но́) 1. хандаовар; масхараомез, тамасхуромез; ~о́й расска́з ҳикояи хандаовар; выставля́ть в ~о́м ви́де масхара кардан, мазоҳ кунондан 2. *перен. разг.* беҳуда, беҷо, бекора; ~о́е предположе́ние тахмини беҳуда ◇ до ~о́го ба дараҷаи хандаовар

смешо́к *м разг.* 1. (*короткий смех*) лабханд 2. *мн.* смешки́ (*насмешки*) масхара, тамасхур, истеҳзо, ришханд

смеща́ть *несов. см.* смести́ть

смеща́ться *несов.* 1. *см.* смести́ться; 2. *страд.* ҷойгардон карда шудан

смеще́ние *с* (*по знач. гл.* смести́ть) маъзулкунӣ, аз кор гирифтан(и), аз кор холикунӣ; ҷойивазкунӣ, ҷойгардонӣ; ивазкунӣ, дигаркунӣ; (*по знач. гл.* смести́ться) ҷойивазшавӣ, ҷойгардоншавӣ, аз ҷои худ беҷошавӣ; тағйирьёбӣ, дигаршавӣ

смея́ться *несов.* 1. хандидан, ханда кардан 2. *над кем-чем* масхара (писханд) кардан, хандидан; ~ над чьи́ми-л. оши́бками ба хатоҳои касе хандидан 3. *перен. разг.* шухӣ (ҳазл) кардан; он смеётся, не ве́рьте ему́ вай шухӣ мекунад, ба вай бовар накунед 4. *над кем-чем* эътино накардан, натарсидан; ~ над опа́сностью аз хатар натарсидан ◇ ~ в бо́роду ришханд задан; ~ в кула́к зери лаб хандидан; [хорошо́] смеётся тот, кто смеётся после́дним *погов.* ≈ ханда накун ба хешат, давида ояд ба пешат

смиловаться *сов.* раҳм (тараҳҳум) кардан; **смилуйтесь над нами!** ба мо раҳм кунед!

смилостивиться *сов. см.* **смиловаться**

сминать *несов. см.* **смять**

сминаться *несов.* 1. *см.* **смяться;** 2. *страд.* ғиҷим (миҷиқ) карда шудан

смирение *с* 1. (*по знач. гл.* **смирить**) ром кардан(и); (*по знач. гл.* **смириться**) мутеъ шудан(и), итоат кардан(и) 2. *уст. книжн.* тавозуъ; хоксорӣ, фурутанӣ, шикастанафсӣ, ҳалимӣ, ҳилм

смиренник *м уст.* хоксор, ҳалим, фурутан

смиренно *нареч.* хоксорона, ботавозуъ, бо фурутанӣ; ~ **держаться** хоксорона рафтор кардан

смиренность *ж* хоксорӣ, тавозуъ, фурутанӣ, ҳалимӣ, ҳилм

смиренн||ый, -ая, -ое (смирен, -на -но) *уст. книжн.* хоксор(она), ҳалим(она), фурутан, ботавозуъ, шикастанафс; **~ая просьба** илтимоси хоксорона; **~ый вид** қиёфаи хоксорона

смирительн||ый, -ая, -ое: **~ый дом** *уст.:* циннихона; **~ая рубашка** куртаи дафъи ҷунун

смирить *сов. кого-что* 1. *уст.* мутеъ кардан, итоат кунондан, ром кардан; ~ **дикого зверя** ҳайвони даррандаро ром кардан 2. фуру нишондан, мағлуб кардан; ~ **гордость** такаббурро фуру нишондан

смириться *сов.* 1. мутеъ шудан, итоат кардан 2. гардан фуровардан, такаббур фуру нишондан; **он не мог ~ с мыслью об отъезде** вай ба фикри рафтан ҳеҷ гардан намефуровард

смирно 1. *нареч.* ором, хомӯш, сокит; **сиди ~** ором нишин, хап шин 2. *воен.* (*команда*) ором!, ҳозир бош!; **стоять ~!** ором истед!

смири||ый, -ая, -ое (смир|ен *и* смир|ён, -на, -но) оромона, ҳалимона, ром, ёвош; **~ый нрав** хулқи ҳалим; **~ая собака** саги ором

смирять *несов. см.* **смирить**

смиряться *несов.* 1. *см.* **смириться;** 2. *страд.* мутеъ карда шудан, итоат кунонда шудан

смог *м* смог (*тумани ғубороллуди заҳрнок*)

смоква *ж* 1. (*плод инжира*) анҷир 2. *см.* **смоковница**

смокинг *м* смокинг (*як навъ пиджаки сиёҳ*)

смоковница *ж* 1. (*инжир*) анҷир 2. дарахти анҷир

смола *ж* қатрон, қир, зифт; **природная ~** қатрони табиӣ; **синтетические смолы** *хим.* қатронҳои синтетикӣ; **сосновая ~** қатрони дарахти коҷ

смолачивать *несов. см.* **смолотить**

смолачиваться *несов. страд.* кӯфта шудан

смолёвка *ж* 1. *бот.* гули магаскушак 2. *зоол.* гамбуски арча

смоление *с* (*по знач. гл.* **смолить**) қатронмолӣ; ~ **лодки** қатронмолии заврақ

смолённый *прич.* (смо|лён, -лена, -лено) қатронмолидашуда

смолён||ый, -ая, -ое қатронмолида, қатронзада; **~ые брёвна** ғулаҳои қатронмолида; **~ый канат** арғамчини қатронзада

смолистость *ж* сершилмӣ, серсамғӣ, шилмнокӣ; ~ **сосны** сершилмии дарахти коҷ; **определить ~ дерева** шилмнокии дарахтро муайян кардан

смолист||ый, -ая, -ое (смолист, -а, -о) сершилм, серсамғ; **~ая сосна** санавбари сершилм; **~ые брёвна** ғулаҳои сершилм ◊ **~ые волосы** мӯйҳои қир барин сиёҳ

смолить *несов. что* қатрон (қир, зифт) молидан; ~ **лодку** завракро қатрон молидан

смолиться *несов. страд.* қатрон (қир, зифт) молида шудан

смолка I *ж* (*по знач. гл.* **смолить**) қатрон молидан(и)

смолка II *ж см.* **смолёвка** I

смолкать *несов. см.* **смолкнуть**

смолк||нуть *сов.* 1. хомӯш (сокит) шудан; **голоса ~ли** садоҳо хомӯш шуданд 2. *разг.* ҷим шудан; **он растерялся и смолк** у ҳудашро гум карду ҷим шуд

смоловар *м см.* **смолокур**

смоловаренный, -ая, -ое *см.* **смолокуренный**

смоловария *ж см.* **смолокурня**

смологон *м* қатронкаш

смолоду *нареч. разг.* аз ҷавонӣ; **он ~ много путешествовал** вай аз ҷавонӣ бисьёр сафар кардааст; **береги честь ~** *посл.* аз ҷавонӣ қадру қиммати худро дон

смолокур *м* қатронкаш

смолокурение *с* қатронкашӣ

смолокуренн||ый -ая, -ое ...и қатронкашӣ; **~ое производство** истеҳсолоти қатронкашӣ

смолокурня *ж* хонаи қатронкашӣ

смолотечение *с* қатронрезӣ, қатронбарорӣ

смолотить *сов. что* [галла] кӯфтан; ~ **пшеницу** гандумро кӯфтан

смолоть *сов. что* куфтан, орд кардан; орд кашидан; ~ **муку** ғалларо орд кардан; ~ **перец** қаламфурро кӯфтан

смоло||ться *сов.* куфта шудан, орд карда шудан, кашида шудан; **кофе хорошо ~лся** қаҳва нағз куфта шудааст

смолчать *сов. разг.* гап назадан, хомӯш мондан, гапи касеро хӯрдан; **уметь вовремя ~** дар вақташ гапи касеро хурда тавонистан

смоль *ж:* **чёрный как ~** (*о волосах*) қир барин сиёҳ

смолян||ой, -ая, -ое ...и қатрон, ...и қир; **~ой запах** бӯи қатрон; **~ая бочка** бочкаи қатрон; **~ое производство** истеҳсолоти қатронкашӣ

смонтирова||ть *сов. что* васл кардан, дуруст кардан, шинондан; **~ть прокатный стан** дастгоҳи прокатро васл кардан; **фильм удачно ~н** фильм нағз қисмбандӣ шудааст

смори||ть *сов. кого-что* 1. *прост.* аз гушнагӣ куштан // *разг.* (*изнурить*) лакот (ланҷ) кардан; **его ~ла духота** ҳавои гарм ӯро лакот кард 2. (*одолеть — о сне*) ғанаб бурдан

смориться *сов. прост.* лакот (ланҷ) шудан, аз ҳол рафтан; ~ **от жары** аз гармӣ лакот шудан

сморкание *с* (*по знач. гл.* **сморкаться**) биниафшонӣ, афшондани бинӣ

сморкать *несов.:* ~ **нос** бинӣ афшондан

сморкаться *несов.* бинӣ афшондан

сморкнуться *сов. однокр. к* **сморкаться**

смородин||а *ж* (*кустарник*) буттаи қот; (*ягоды*) қот; **красная ~а** қоти сурх; **чёрная ~а** қоти сиёҳ, қароқот; **кисель из ~ы** полудаи қот

смородинка *ж* донаи қот, як дона қот

смородинник *м* қотзор

смородинн||ый, смородинов||ый, -ая, -ое ...и қот; **~ый куст** буттаи қот; **~ое варенье** мураббои қот

сморозить *сов. что разг.* ҳарза гуфтан, гапи беҳуда гуфтан, ёва (сафсата) гуфтан; ~ **чушь** ҳарза гуфтан

сморчок *м* 1. бурмазанбуруғ 2. *перен. прост.* уҷҷак, одами чурукак

сморщенн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* чин кардашуда 2. *прил.* чиндор, пурчин, чин-чин, пучалак; уҷҷак; **~ый лоб** пешонаи чиндор; **~ая старушка** кампири уҷҷак

сморщивать(ся) *несов. см.* **сморщить(ся)**

сморщить *сов. что* чиндор (чин-чин) кардан; уҷҷак кардан; ~ **лоб** пешониро чин кардан

сморщи||ться *сов.* чиндор (чин-чин) шудан, уҷҷак шудан; бурма шудан, каҷу килеб шудан; **бумага ~лась** коғаз чин-чин шудааст; **её лицо ~лось** руи ӯ бурма шуд

смотать *сов. что* 1. печондан, печонда гирифтан; ~ **верёвку** арғамчинро печондан 2. тофта кушодан; ~ **нитки со шпульки** ресмонро аз ғалтак тофта гирифтан ◊ ~ **удочки** *прост.* бадар кандан, бо шитоб гурехтан

смотаться *сов.* 1. печидан, печонда шудан 2. *перен. прост.* (*исчезнуть*) баромада рафтан, гурехтан 3. *перен. прост.* (*сбегать куда-л.*) давида рафта омадан, тохта рафта омадан

смотр *м* азназаргузаронӣ, муоина; ~ **войскам** муоинаи қушун; ~ **стенной печати** азназаргузаронии газетаҳои деворӣ

смотреть *несов.* 1. *на кого-что, во что* нигоҳ кардан, нигаристан, назар андохтан; ~ **на часы** ба соат нигоҳ кардан; ~ **вперёд** ба пеш нигоҳ кардан; ~ **в окно** аз тиреза нигоҳ кардан; ~ **в микроскоп** бо микроскоп нигоҳ кардан; ~ **устало** хастаҳолона нигоҳ кардан; ~ **исподлобья** песондан, бад-бад нигоҳ кардан; ~ **печально** ғамгинона нигоҳ кардан // *повел.* **смотри(те)** (*знак отсылки в тексте* — см.) нигоҳ кун(ед) — ниг. 2. *на кого-что перен. разг.* фикр доштан (кардан); **как вы смотрите на то, чтобы пойти погулять?** шумо фикри сайр кардан надоред?; **как вы на это смотрите?** шумо дар бо-

раи ин кор чӣ фикре доред // *без доп. разг.* фикр кардан, шах шуда истодан; **надо было раньше** ~ пештар фикр кардан лозим буд; **чего смотришь, помогай!** чаро шах шуда истодаӣ, ёрдам кун! 3. *кого-что* дидан, дида баромадан; **я смотрел вашу рукопись** ман дастнависи шуморо дида баромадам; **врач смотрел больного** духтур беморро муоина кард 4. *кого-что* тамошо кардан, дидан; ~ **новый спектакль** спектакли навро тамошо кардан; ~ **выставку** выставкаро тамошо кардан 5. *за кем-чем разг.* нигоҳубин (назорат, парасторӣ) кардан; ~ **за порядком** тартиботро назорат кардан; ~ **за больным** ба бемор нигоҳубин кардан 6. *на кого-что перен. разг.* тақлид кардан, нигоҳ кардан; аҳамият додан, парво кардан; **ты на него не смотри, делай по-своему** ту ба вай тақлид накун, ба таври худ рафтор кун; **вы на это не смотрите** шумо ба ин аҳамият надиҳед, шумо ба ин парво накунед 7. *на кого-что и без доп. перен.* намоён будан, дида шудан; **из-за облаков смотрели звёзды** аз миёни абр ситораҳо намоён буданд 8. *на кого-что, во что* ру ба *чизе* будан; **окна школы смотрят во двор** тирезаҳои мактаб ру ба ҳавлӣ мебошанд 9. *кем-чем разг.* намуд доштан; ~ **героем** намуди қаҳрамонона доштан; **он смотрит орлом** намудаш ғурурнок аст 10. *повел. разг.* **смотри(те)** ҳушьёр бош(ед), зинҳор; **смотри, будешь виноват!** ҳушьёр шав, ки гунаҳкор мешавӣ!; **смотри, чтобы не получилась неприятность** бохабар бош, то ягон нохушӣ рӯй надиҳад; **смотри, не простудись!** бохабар бош, то шамол нахурӣ! 11. *повел. разг.* **смотри** бин; **смотрите** бинед; **смотрите, как она танцует!** бинед, чӣ хел рақс мекунад! 12. *в знач. вводн. сл. разг.* **смотрю** бинам, нигоҳ кунам; **смотрим** бинем, нигоҳ кунем; **смотрю я, а он уже убежал** бинам, вай аллакай гурехтааст 13. *в знач. вводн. сл. разг.* **смотришь** *(между тем, и вот)* ҳамин ки ... , аммо; **не успеешь оглянуться, смотришь, уже вечер** ана-мана нагуфта, мебинед, ки шаб шудааст ◊ ~ **волком** песондан, бо адоват нигоҳ кардан; ~ **другими глазами** бо чашми дигар дидан, аз дигар нуктаи назар баҳо додан; ~ **косо** *на кого-что* кач (нописандона, бадхоҳона) нигоҳ кардан; ~ **сверху вниз на кого-л.** ба касе мағрурона нигоҳ (муомила) кардан; **он смотрит сентябрём** *шутл.* аз қошу қавоқаш барф меборад; ~ **в глаза** *кому-л.* 1) бо диққат нигоҳ кардан, зеҳн мондан, чашм духтан 2) барои ба касе маъқул шудан кушиш намудан; ~ **в глаза (в лицо)** *чему* нотарс ру ба ру шудан (нигоҳ кардан); ~ **в глаза смерти** аз марг наҳаросидан; ~ **во все глаза**, ~ **в оба глаза** чаҳорчашма нигоҳ кардан, бо диққат нигоҳ кардан; ~ **в оба** хушьёр будан; ~ **сквозь пальцы** беэътиноёна назар кардан, мусоҳилакорӣ кардан, чашм пӯшидан; ~ **со своей колокольни на кого-что-л.** касеро, чизеро бо гази худ чен кардан; **того и смотри** *прост.* қариб аст, ана ҳозир

смотреться *несов.* 1. худро дидан, худро аз назар гузарондан; ~ **в зеркало** худро дар оина дидан 2. *безл.* тамошо карда шудан; **фильм хорошо смотрится** *безл.* фильм бо шавқ тамошо карда мешавад

смотрины *тк. мн. уст.* арусбинон, рубинон

смотритель *м* нозир; ~ **училища** *уст.* нозири омузишгоҳ; **станционный** ~ *уст.* нозири истгоҳ

смотров||ой, -ая, -ое ...и назорат, ...и муоина, ...и дидбонӣ; ~**ая щель танка** сурохи дидбонии танк; ~**ая галерея** нақби муоина; ~**ой колодец** чоҳи назорат

смотря *дееприч. в сочет. со словами «что», «как», «когда» и т. п.* нигоҳ карда, вобаста, мувофиқи...; ~ **как работать** вобаста ба чӣ хел кор кардан; ~ **по обстоятельствам** ба вазъият нигоҳ карда, мувофиқи вазъият

смочить *сов. кого-что* нам кардан, андак тар кардан; ~ **платок** руймолчаро андак тар кардан ◊ ~ **горло (глотку)** *прост.* ҳалқро тар кардан, ба ҳалқум задан

смочиться *сов.* 1. *(смочить себя)* худро андак тар кардан 2. *(намокнуть)* нам (тар) шудан

смо||чь *сов. с неопр.* тавонистан; **я не** ~**гу пойти** ман рафта наметавонам; **он не** ~**жет выступить** вай баромад карда наметавонад; **мы** ~**жем это сделать** мо ин корро карда метавонем

смошенничать *сов. разг.* қаллобӣ кардан

смрад *м* бадбуӣ, буи бад, тааффун

смрадный -ая, -ое (смрад|ен, -на, -но) бадбуй, мутааффин

смуглеть *несов.* гандумгун шудан; ~ **от южного солнца** аз таъсири офтоби ҷануб гандумгун шудан

смуглолицый -ая, -ее (смуглолиц, -а, -е) гандумгун, сабзина, сабзчеҳра; ~ **ребёнок** кудаки гандумгун

смуглость *ж* гандумгунӣ, сабзинагӣ; ~ **кожи** гандумгунии пӯст

смуглотелый -ая, -ое (смуглотел, -а, -о) мисбадан

смугл||ый -ая, -ое (смугл, -а, -о) гандумгун, сабзина; ~**ая кожа** пусти сабзина

смуглянка *ж разг.* духтараки сабзина, духтари (зани) гандумгун

смудрить *сов. разг.* маҳмадоной кардан

смурый, -ая, -ое (смур, -а, -о) *обл. и фольк.* хокистарии баланд, сиёҳтоб

смут||а *ж уст.* ошуб, балво, исьён, низоъ; **сеять** ~**у** балво ангехтан

смути||ть *сов. кого-что* 1. хиҷил кардан, шарм дорондан, сурх кардан, изо кашондан (додан); **его слова нас** ~**ли** гапҳои у моро хиҷил кард 2. *уст.* ба ошуб (ба шур) овардан; ~**ть народ** мардумро ба шур овардан 3. ба изтироб андохтан, ба ҳаяҷон овардан, безобита кардан; ~**ть чей-л. покой** касеро безобита кардан

смутиться *сов.* 1. хиҷолат кашидан, шарм доштан, ҳаё кардан, изо кашидан; ~ **от похвал** аз таъриф хиҷолат кашидан 2. *уст.* ба изтироб омадан, безобита шудан

смутно *нареч.* хира, тира, мубҳам, норавшан, ба зур; ~ **видеть горы** куҳҳоро хира дидан; ~ **понимать что-л.** чизеро мубҳам фаҳмидан

смутн||ый, -ая, -ое (смут|ен, смутна, -но) 1. мубҳам, муғлақ, номуайян, норавшан, номафҳум, хира, тира; ~**ые воспоминания** хотираи мубҳам; **иметь** ~**ое представление о чём-л.** дар бораи чизе тасаввуроти муғлақ доштан 2. пурҳаяҷон, пуризтироб, беқарор; ~**ое настроение** кайфияти пуризтироб 3. пурошуб; ~**ое время** *ист.* замони пурошуб

смутьян *м разг.* фитнаангез, балвогар, шурандоз

смутьянка *женск. к* **смутьян**

смушка *ж* пусти барра

смушковый -ая, -ое ...и пусти барра; ~ **воротник** гиребони пусти барра

смущать *несов. см.* **смутить**

смущаться *несов.* 1. *см.* **смутиться**; 2. *страд.* хиҷил карда шудан, шарм доронда шудан

смущение *с* 1. хиҷолат, шармандагӣ, изо, ҳаё; **прийти в** ~ хиҷолат кашидан; **привести в** ~ шарм дорондан 2. *уст. (тревога)* изтироб, ташвиш 3. *уст.* шур андохтан(и), ба ошуб овардан(и)

смущённый, -ая, -ое 1. *прич.* сурх кардашуда, шарм дорондашуда 2. *прил.* хиҷил, шарманда

смыв *м (по знач. гл.* **смыть** 2) шуста бурдан(и); ~ **почвы талыми водами** хокро шуста бурдани оби барф

смывать *несов. см.* **смыть**

смываться *несов.* 1. *см.* **смыться**; 2. *страд.* шуста бурда шудан

смывка *ж (по знач. гл.* **смыть**) шустан(и), шуста равондан(и), шуста тоза кардан(и)

смывн||ой, -ая, -ое 1. оббар; ~**ые пески** регҳои оббар 2. ...и шуста тозакунӣ; ~**ой чан** чалаки шуста тозакунӣ

смыкать *несов. см.* **сомкнуть**

смыкаться *несов.* 1. *см.* **сомкнуться**; 2. *страд.* зич (ҷафс) карда шудан

смысл *м* 1. маънӣ, маъно, мафҳум; ~ **слова** маънии калима; **уловить** ~ маъниро дарк кардан; **лишить** ~**а** бе маънӣ кардан; **придать** ~ маънӣ додан (бахшидан); **в широком** ~**е слова** ба маънии васеи калима; **в точном** ~**е слова** ба маънии саҳеҳи калима; **в буквальном** ~**е слова** ба маънии аслии калима 2. мақсад, ният; ~ **жизни** мақсади ҳаёт; **в чём** ~ **его поступка?** чӣ ният дорад? 3. *разг.* фоида, манфиат, нафъ; **нет** ~**а это делать** ин тавр кардан фоида надорад 4. *уст.* ақл, хирад; **здравый** ~ ақли солим ◊ **в полном** ~**е слова** дар асл, ҳақиқатан; **в** ~**е чего-л.**, **в каком-либо** ~**е** дар бобати (аз ҷиҳати) чизе

смысли||ть *несов. разг.* фаҳмидан, донистан, хабар доштан; **он в этом ничего не** ~**т** вай аз ин ҳеҷ хабар надорад; ~**ть в технике** аз техника хабардор будан

смыслов||ой, -ая, -ое ...и маънои калима, маъногӣ; ~**ые оттенки** тобишҳои маъногӣ

смы||ть *сов. что* 1. шустан, шуста равондан, шуста покиза кардан, шуста тоза кардан; ~**ть грязь с рук** чирки дастро шуста равондан // *перен.* сафед кардан; ~**ть с себя позор** худро сафед кардан 2. шуста бурдан; **вода ~ла берег** об лаби дарьёро шуста бурд ◇ **как водой ~ло** беному нишон шуда рафт, ғайб зад

смы||ться *сов.* 1. бо шустан рафтан; **чернильное пятно ~лось** доғи сиёҳӣ бо шустан рафт 2. *перен. прост.* ғоиб (бедарак) шудан; **куда он ~лся?** вай куҷо шуд?, вай куҷо ғоиб шуд?

смычка *ж* 1. (*по знач. гл.* **сомкнуть** !) зич (пайванд) кардан(и); (*по знач. гл.* **сомкнуться** 1) зич (пайванд) шудан(и) 2. *тех.* ҷои васл, пайвандгоҳ; ~ **сводов** пайвандгоҳи равоқҳо 3. *перен.* иттифоқ, иттиҳод, ягонагӣ, муттафиқӣ; ~ **города с деревней** иттиҳоди шаҳру деҳот

смычков||ый, -ая, -ое камончадор; ~**ые инструменты** созҳои камончадор

смычн||ый, -ая, -ое *лингв.* зич; ~**ые согласные** ҳамсадоҳои зич

смычок I *м* 1. *муз.* камонча 2. савачуб

смычок II *м охот.* 1. таноби сагҳоро ҷуфт-ҷуфт мебастагӣ 2. як ҷуфти сагони шикорӣ

смышлёность *ж* зиракӣ, хушфаҳмӣ, фаросатнокӣ, зирак будан(и)

смышлёный, -ая, -ое (смышлён, -а, -о) зирак, хушфаҳм, бофаросат; ~ **ученик** талабаи хушфаҳм; ~ **взгляд** нигоҳи зиракона

смягчать *несов. см.* **смягчить**

смягчаться *несов.* 1. *см.* **смягчиться**; 2. *страд.* нарм (мулоим) карда шудан

смягчающ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* нармкунанда, мулоимкунанда 2. *прил. перен.* таскиндиҳанда, фурунишонда; ~**ие вину обстоятельства** *юр.* сабабҳои ҷазоро сабуккунанда; ~**ие средства** *мед.* доруҳои таскиндиҳанда

смягчение *с* (*по знач. гл.* **смягчить**) нарм (нармтар, мулоимтар) кардан(и); суст кардан(и), кам кардан(и); (*по знач. гл.* **смягчиться**) нарм (нармтар, мулоимтар) шудан(и); суст шудан(и), кам шудан(и); ~ **наказания** сабук кардани ҷазо; ~ **международной напряжённости** паст шудани шиддати вазъияти байналхалқӣ

смягчённый, -ая, -ое 1. *прич.* нарм (мулоим) кардашуда; сабук кардашуда 2. *прил. лингв.* мулоимшуда; ~ **согласный** ҳамсадои мулоимшуда

смягчи||ть *сов.* 1. *что* нарм (нармтар) кардан, мулоим (мулоимтар) кардан; **крем ~л кожу** крем пустро нармтар кард 2. *кого-что перен.* нарм (нармтар) кардан, суст (сустар) кардан, кам (камтар) кардан, паст (пастар) кардан; ~**ть гнев** хашмро кам кардан; **слёзы сына ~ли его сердце** ашкҳои писараш дили уро нармтар кардаанд 3. *что перен.* таскин додан, фурӯ нишондан; **лекарство ~ло боль** дору дардро фурӯ нишонд 4. *что перен.* сабук (сабуктар) кардан; ~**ть наказание** ҷазоро сабуктар кардан 5. *что лингв.* мулоим кардан

смягчи||ться *сов.* 1. нарм (нармтар) шудан, мулоим (мулоимтар) шудан; **кожа ~лась** чарм нармтар шуд 2. *перен.* нарм (нармтар, мулоим, мулоимтар) шудан, кам (камтар) шудан, паст (пастар) шудан; **его характер ~лся** феълу хуяш нармтар шудааст; **мать ~лась** модар нармтар шуд 3. *перен.* суст (сустар) шудан, кам (камтар) шудан; **жжение в горле ~лось** сузиши гулу камтар шуд 4. *лингв.* мулоим шудан

смякать *несов. см.* **смякнуть**

смякнуть *сов. прост.* 1. мулоим (нарм) шудан 2. *перен. шутл.* бечуръат шудан

смятение *с* ҳаяҷон, ошуфтагӣ, изтироб; **прийти в** ~ ба ҳаяҷон омадан, музтариб шудан; **вызвать** ~ **в рядах неприятеля** сафҳои душманро ба изтироб андохтан

смятенность *ж уст.* ошуфтагӣ, музтарибӣ

смятенн||ый, -ая, -ое (смятен, -на, -но) *уст.* ба ҳаяҷон омада, ошуфта, музтариб; **быть в ~ом состоянии** музтариб будан

смят||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ғиҷим (маҷақ) кардашуда 2. *прил.* ғиҷим 3. *прил.* (*о растениях*) поймолшуда, маҷақшуда; ~**ая трава** алафи поймолшуда

смя||ть *сов.* 1. *что* ғиҷим (маҷақ) кардан; ~**ть платье** куртаро ғиҷим кардан; ~**ть бумагу** коғазро ғиҷим кардан 2. *что* (*растения*) задан, поймол кардан, маҷақ кардан 3. *кого-что* зери по (поймол) кардан 4. *кого-что перен.* маҷақ (паҷақ) кардан; **наши танки ~ли батареи противника** танкҳои мо тӯпҳои душманро маҷақ карданд 5. *что* лат задан, пазондан; ~**ть глину** гилро пухта кардан

смя||ться *сов.* 1. ғиҷим (маҷақ) шудан; **скатерть ~лась** дастархон ғиҷим шудааст 2. (*о растениях*) поймол шудан

снабдить *сов. кого-что, кем-чем* таъмин (таҷҳиз) кардан, додан; ~ **строительство материалами** сохтмонро бо масолеҳ таъмин кардан; ~ **деньгами** бо пул таъмин кардан; ~ **всем необходимым** бо ҳамагуна лавозимот таъмин кардан

снабдиться *сов. разг. см.* **снабжаться**

снабжаться *несов.* 1. таъмин шудан 2. *страд.* таъмин карда шудан

снабженец *м разг.* таъминкунанда, коркуни идораи таъминот

снабжени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **снабдить**) таъминкунӣ, таъмин (таҷҳиз) кардан(и); ~**е сельского хозяйства машинами** хоҷагии қишлоқро бо мошинҳо таъминкунӣ 2. таъминот, таҷҳизот; **органы ~я** органҳои таъминот; **наладить ~е** таъминотро ба роҳ мондан 3. (*предметы, продукты и т. п.*) мол, ашёи; **топливное ~е** сузишворӣ; **продовольственное ~е** озуқа, хӯрокворӣ

снабженческий, -ая, -ое ...и таъминот, таъминоти

снадобье *с уст.* 1. (*лекарство*) дору, даво 2. *разг.* (*приправа*) хуриши таом, дорувор

снайпер *м* мерган

снайперск||ий, -ая, -ое ...и мерган, мерганӣ; ~**ая винтовка** милтиқи мерганӣ

снаружи *нареч.* аз берун; **дом ~ обшит тёсом** хона аз берун бо тахта руйбаст карда шудааст

снаряд *м* 1. *воен.* тир, тири тӯп; **артиллерийские ~ы** тирҳои тӯп 2. *спорт.* асбобу олати варзиш; **упражнения на ~ах** машқ дар асбоби варзиш 3. *собир. уст.* асбоб, олат, асбобу анҷом; **геодезический** ~ асбоби геодезӣ

снарядить *сов. кого-что* таъмин кардан, таҷҳиз кардан, тайёр кардан; ~ **в путь** ба сафар тайёр кардан; ~ **экспедицию** экспедицияро таҷҳиз кардан

снаряди||ться *сов. разг.* тайёрӣ дидан, бо асбобу анҷоми даркорӣ таъмин шудан; **он ~лся в путь** вай ба сафар тайёрӣ дид

снарядный, -ая, -ое 1. *воен.* ...и тири тӯп; ~ **ящик** қуттии тири тӯп 2. *спорт.* ...и асбоби варзиш

снаряжать *несов. см.* **снарядить**

снаряжаться *несов.* 1. *см.* **снарядиться**; 2. *страд.* таъмин карда шудан

снаряжение *с* 1. (*по знач. гл.* **снарядить**) [бо асбобу анҷом] таъмин (таҷҳиз) кардан(и); ~ **экспедиции** бо асбобу анҷом таъминкунии экспедиция; ~ **в путь** ба сафар тайёр кардан(и) 2. *собир.* таҷҳизот, асбобу анҷом; **альпинистское** ~ таҷҳизоти кӯҳнавардон; **воинское** ~ таҷҳизоти ҳарбӣ; **конское** ~ абзори асп

снаст||ь *ж* 1. *чаще мн.* **снасти** *мор.* арғамчини киштии бодбондор, ҷиҳозот; **корабельные ~и** ҷиҳозоти киштӣ, арғамчинҳои киштии бодбондор; **вырубить ~ь** *мор.* порчае аз арғамчин бурида гирифтан 2. *собир.* асбобу анҷом, афзол, ҷиҳозот; **охотничья ~ь** асбобу анҷоми шикор; **рыболовная ~ь** асбобу анҷоми моҳигирӣ

сначала *нареч.* 1. аввал, аввалан, пеш аз ҳама; ~ **подумай, потом отвечай** аввал андеша, в-он гаҳе гуфтор 2. аз нав, аз сари нав, боз як бор; **начните** ~ аз сари нав шуруъ кунед; **прочитать** ~ аз сари нав хондан

снашивание *с* (*по знач. гл.* **сносить** I *и* **сноситься** I) пушида кӯҳна (фарсуда) кардан(и); кӯҳна шудан(и), фарсуда шудан(и)

снашивать *несов. см.* **сносить**

снашиваться *несов.* 1. *см.* **сноситься** 1; 2. *страд.* пушида дарронда шудан

снег *м* барф; **первый** ~ барфи аввал; **мокрый** ~ барфи тар; **выпал** ~ барф борид; **идёт** ~ барф меборад; ~ **стаял** барф об шуд; **вечные ~а** барфҳои кӯҳна ◇ **как** ~ **на голову** ногаҳон, нохост, якбора; **как прошлогодний** ~ **нужен (интересует)** мисли нақораи баъди туй; барфи порина барин зарур

снегирь *м зоол.* севғар

снегов||ой, -ая, -ое ...и барф, барфӣ, барфин; барфдор, барфпушида; ~**ая**

граница ҳудуди барф; ~**ой покров** қабати барф; ~**ая вода** оби барф; ~**ые горы** кӯҳҳои барфпуш; ~**ые облака** абрҳои барфовар

снегозадержание *с с.-х.* барфнигоҳдорӣ

снегозащита *ж* муҳофизат аз барф

снегоочиститель *м* барфтозакунак (*мошине, ки роҳро аз барф тоза мекунад*)

снегоочистительный, -ая, -ое ...и барфтозакунӣ

снегоочистка *ж* барфтозакунӣ

снегопад *м* бориши барф, барфборӣ

снегопах *м с.-х.* барфнигоҳдорак

снегопахание *с* барфнигоҳдорӣ

снеготаялка *ж* барфобкунак

снеготаяние *с* барфобшавӣ, обшавии барф, об шудани барф; **раннее** ~ барвақт об шудани барф

снегоуборочн||**ый**, -ая, -ое ...и барфтозакунӣ; ~**ая машина** мошини барфтозакунӣ

снегоход *м* автомобили барфгард

снегурочка *ж фольк.* маликаи барфин

снеда||**ть** *несов.* 1. *обл.* хурдан 2. *кого-что перен.* азоб (азият) додан; **его** ~**ет зависть** уро рашк азоб медиҳад

снедь *ж уст. обл.* хурок, ғизо, таом

снежинк||**а** *ж* барфак, зарраи барф; **в воздухе кружились** ~**и** зарраҳои барф дар ҳаво чарх мезаданд

снежн||**ый**, -ая, -ое 1. ...и барф, барфӣ, барфин, барфнок, сербарф; ~**ый покров** қабати барф; ~**ые заносы** барфтудаҳо; ~**ая пыль** барфзарраҳо; ~**ая зима** зимистони сербарф; ~**ая горка** теппаи барфин 2. (*подобный снегу*) барфмонанд, барф барин сафед; **скатерть** ~**ой белизны** дастархони барф барин сафед 3. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои ботаники ва зоологӣ* барфӣ; ~**ый баран** ғурм, муфлон ◊ ~**ая баба** одами барфин; ~**ая слепота** барфкурӣ (*кур шудани чашм аз дурахши барф*)

снеж||**ок** *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **снег**; 2. барфкулула 3. *мн.* **снежки** (*игра*) барфбозӣ; **играть в** ~**ки** барфбозӣ кардан

снести *сов.* 1. *кого-что* бурдан; ~ **посылку на почту** посылкаро ба почта бурдан 2. *что* канда (кучонда) бурдан; **ветер снёс бельё** шамол ҷомашуии хушк шуда истодаро бурд 3. *что* хароб (вайрон) кардан; ~ **дом** хонаро вайрон кардан 4. *что* буридан, зада буридан 5. *что* (*сделать сноску*) дар поварақ эзоҳ додан 6. *что перен.* тоқат кардан, овардан; **не** ~ **обиды** ба озор тоқат карда натавонистан 7. тухм кардан; **курица снесла яйцо** мурғ тухм кард ◊ ~ **карту** *карт.* карта партофтан

снестись I *сов.* алоқа кардан (бастан); ~ **по почте** ба воситаи почта алоқа кардан

снес||**тись** II *сов.* тухм кардан; **курица** ~**лась** мурғ тухм кард

снижать *несов. см.* **снизить**

снижаться *несов.* 1. *см.* **снизиться**; 2. *страд.* поинтар фуроварда шудан; паст карда шудан, кам карда шудан

снижение *с* (*по знач. гл.* **снизить**) поинфуророӣ, пастфурорӣ, фуровардан(и), пасткунӣ, камкунӣ, танзил; (*по знач. гл.* **снизиться**) поинфуроӣ; камшавӣ; пастшавӣ; ~ **цен** пасткунии нархҳо; ~ **самолёта** поинфуроии самолёт, фуромадани самолёт

снизать *сов. что* ба ришта гузарондан, шадда (ҳамел) кардан

снизить *сов.* 1. *кого-что* поинтар фуровардан; ~ **самолёт** самолётро поинтар фуровардан 2. *что перен.* паст (кам, суст) кардан; ~ **себестоимость** арзиши аслиро паст кардан; ~ **цены** нархҳоро паст кардан; ~ **требования** талаботро суст кардан; ~ **скорость** суръатро кам кардан 3. *кого перен.* фуровардан; ~ **в должности** ба кори паст фуровардан 4. *что перен. разг.* паст кардан; ~ **голос** овозро паст кардан

снизи||**ться** *сов.* 1. поин (поинтар) фуромадан; **самолёт** ~**лся** самолёт поин фуромад 2. *перен.* паст (кам) шудан; **процент брака** ~**лся** фоизи брак кам шуд 3. *перен.* (*о голосе*) паст шудан

снизойти *сов.* 1. *уст.* фуромадан // *перен. книжн.* илҳом ёфтан 2. *к кому-чему книжн.* марҳамат кардан, илтифот кардан; мувосо кардан; ~ **к чьей-л. просьбе** марҳамат карда илтимосро қабул кардан; ~ **к чьим-л. слабостям** аз камбудиҳои касе гузашт кардан

снизу *нареч.* 1. аз таг, аз поён, аз паст, аз зер; **пирог** ~ **подгорел** таги пирог андак сухтааст; ~ **дует** аз поён шамол мевазад; **посмотреть** ~ **вверх** аз паст ба боло нигоҳ кардан 2. *перен.* аз паст, аз поён, аз ҷониби халқ; **предложение** ~ пешниҳод аз ҷониби халқ ◊ ~ **доверху** 1) (*насквозь*) аз паст то боло, сар то по, тамоман 2) (*повсеместно*) дар ҳама ҷо

сникать *несов. см.* **сникнуть**

сник||**нуть** *сов. разг.* 1. пажмурда шудан, хамидан, сар хам кардан; **бутоны розы** ~**ли** ғунчаҳои гули садбарг пажмурда шуданд 2. *перен.* димоғ сӯхтан, кайфият талх шудан

снимать *несов. см.* **снять** ◊ ~ **сливки (пенки) с чего-л.** каймоқи чизеро гирифтан

сниматься *несов.* 1. *см.* **сняться**; 2. *страд.* ҷудо карда шудан; сурат гирифта (гиронда) шудан; иҷора гирифта шудан

снимок *м* сурат; **рентгеновский** ~ сурати рентгенӣ; **проявить** ~ сурат зоҳир кардан; **сделать** ~ сурат (акс) гирифтан

снискать *сов. что уст.* 1. *книжн.* ёфтан 2. ёфтан, пайдо кардан; ~ **всеобщее уважение** эҳтироми умум пайдо кардан

снискивать *несов. см.* **снискать**

снисходительно *нареч.* 1. нармдилона, саҳлгирона, бо саҳлгири, мусоҳилакорона; **отнестись** ~ **к кому-л.** ба касе нармдилона муомила кардан 2. (*высокомерно*) мағрурона

созда́ть *сов.* 1. *кого-что* эҷод кардан, офаридан, ба вуҷуд овардан, сохтан тайёр кардан; ~ **о́браз но́вого челове́ка** образи одами навро эҷод кардан; ~ **авторите́т** обруманд кардан; ~ **обще́ственное мне́ние** афкори ҷамъиятӣ ба вуҷуд овардан; ~ **по́чву для перегово́ров** барои гуфтушунид замина тайёр кардан; ~ **благоприя́тные усло́вия для рабо́ты** барои кор шароити мусоид муҳайё кардан 2. *что* кардан, сохтан, офаридан; ~ **шум** маъал кардан; ~ **затрудне́ния** мушкил кардан 3. *что* барпо кардан, ташкил кардан, сохтан; ~ **шко́лу** мактаб ташкил кардан; ~ **сеть желе́зных доро́г** шабакаи роҳи оҳан сохтан

созда́||ться *сов.* 1. ба вуҷуд омадан, пайдо шудан, ташкил ёфтан; **в колхо́зе** ~**ла́сь кре́пкая комсомо́льская организа́ция** дар колхоз ташкилоти мустаҳками комсомолӣ ташкил шуд 2. *перен.* пайдо шудан; ~**ло́сь впечатле́ние, что...** таассуроте пайдо шуд, ки...

созерца́ни||е *с книжн.* муроқиба, мушоҳида, мулоҳиза; ~**е окружа́ющего** мушоҳидаи атроф; **челове́к, скло́нный к** ~**ю** муроқиб

созерца́тель *м книжн.* муроқиб, мушоҳид

созерца́тельность *ж* муроқибӣ, муроқибат

созерца́тельный, -ая, -ое (созерцате|лен, -льна, -льно) муроқибакунанда, мушоҳидакунанда, мулоҳизакунанда

созерца́||ть *несов. кого-что книжн.* 1. муроқиба (мушоҳида, тамошо) кардан; **он мо́лча** ~**л карти́ну** вай хомушона расмро тамошо мекард 2. (*мысленно представлять*) тасаввур кардан, пеши назар овардан

созида́ние *с* (*по знач. гл.* **созида́ть**) *книжн.* офариниш, бавуҷудоварӣ, эҷодкунӣ, барпокунӣ, ба вуҷуд овардан(и), сохтан(и)

созида́тель *м книжн.* офаринанда, барпокунанда, эҷодкор, эҷодкунанда

созида́тельн||ый, -ая, -ое (созидате|лен, -льна, -льно) *книжн.* барпокунанда, эҷодкунанда, эҷодкорона, буньёдкорона; ~**ая де́ятельность** фаъолияти эҷодкорона; ~**ый труд** меҳнати буньёдкорона

созида́ть *несов. см.* **созда́ть**

созида́ться *несов.* 1. *см.* **созда́ться**; 2. *страд.* барпо (эҷод) карда шуда, ба вуҷуд оварда шудан, офарида шудан

сознава́ть *несов. что* 1. *тж. с придат. дополнительным* иқрор кардан, эътироф кардан, дарк кардан, фаҳмидан, шинохтан; ~ **свою́ вину́** гуноҳи худро эътироф кардан; ~ **свою́ отве́тственность** масъулияти худро дарк кардан; ~ **чьё-л. превосхо́дство** бартарии касеро эътироф кардан 2. фаҳмидан, донистан, дарк кардан; **он не сознаёт, что де́лает** вай чӣ кор карда истоданашро намефаҳмад

созна||ва́ться *несов.* 1. *в чём без доп. или с придат. дополнительным* иқрор кардан, эътироф кардан, ба гардани худ гирифтан; ~**ва́ться в свое́й оши́бке** хатои худро иқрор кардан 2. *страд.* фаҳмида шудан, дониста шудан, дарк карда шудан 3. *в знач. вводн. сл.* **сознаюсь** рости гап; ~**ю́сь, я ника́к не представля́л э́того** рости гап, ман инро ҳеҷ тасаввур накарда будам

созна́ни||е *с* 1. ҳуш; **потеря́ть** ~**е** аз ҳуш рафтан; **прийти́ в** ~**е** ба ҳуш омадан; **лежа́ть (быть) без** ~**я** бе ҳуш хобидан 2. шуур; **кла́ссовое** ~**е** шуури синфӣ; **обще́ственное** ~**е** шуури ҷамъиятӣ; **бытие́ определя́ет** ~**е** ҳастӣ шуурро муайян мекунад 3. идрок, фаҳмидан(и), шинохтан(и), донистан(и); ~**е до́лга по отноше́нию к о́бществу** донистани (шинохтани) вазифаи ҷамъиятии худ; ~**е свое́й вины́** фаҳмидани айби худ; ~**е правоты́** фаҳмидани ҳақ будани худ ◇ **до поте́ри** ~**я** аз ҳад зиёд; **напи́ться до поте́ри** ~**я** мурданивор нушида маст шудан; масти лояъқил шудан; **уста́ть до поте́ри** ~**я** аз ҳад зиёд хаста шудан; **доходи́ть до** ~**я** дарк шудан, фаҳмида шудан; **не укла́дывается в** ~**и** акл намегирад (намерасад)

созна́тельно *нареч.* 1. бошуурона; ~ **относи́ться к рабо́те** бошуурона ба кор муносибат кардан 2. фаҳмида, қасдан, дидаву дониста; **он** ~ **измени́л спо́соб обрабо́тки дета́ли** вай тарзи кор кардани детальро қасдан тағьир додааст

созна́тельност||ь *ж* 1. шуурнокӣ, бофаҳмӣ; **рост** ~**и масс** инкишофи шуурнокии омма; **полити́ческая** ~**ь** шуурнокии сиёсӣ; **коммунисти́ческая** ~**ь** шуурноки коммунисти 2. барқасдона будан(и); ~**ь чьих-л. де́йствий** барқасдона будани амалиёти касе

созна́тельн||ый, -ая, -ое (сознате|лен, -льна, -льно) 1. бошуур, бофаҳм, боидрок, шуурнок; ~**ый челове́к** одами бофаҳм; ~**ое отноше́ние к де́лу** муносибати бошуурона ба кор 2. қасдан, барқасд(она), дидаву дониста; ~**ый посту́пок** рафтори барқасдона; ~**ая ложь** дурӯғи барқасдона

созна́ть *сов. см.* **сознава́ть** 1

созна́ться *сов. см.* **сознава́ться** 1 ◇ **нельзя́ не** ~, **на́до** ~ *в знач. вводн. сл.* гуфтан лозим, бояд гуфт, бояд иқрор шуд, ки ...; **на́до** ~, **я ошиба́лся** бояд гуфт, ки ман хато мекардам

созрева́ние *с* (*по знач. гл.* **созре́ть**) пазиш, пухтан(и), пухта расидан(и); болиғшавӣ, ба балоғат расидан(и); ~ **кукуру́зы** пухта расидани ҷуворимакка

созрева́ть *несов. см.* **созре́ть**

созре́||ть *сов.* 1. пухтан, пухта расидан, расидан; **я́блоки ещё не** ~**ли** себ ҳануз напухтааст 2. *перен.* ба балоғат расидан, расида шудан, ба камол расидан, болиғ шудан; **тала́нт писа́теля** ~**л** истеъдоди нависанда ба камол расидааст 3. *перен.* пухтан, расидан; **иде́я** ~**ла** ғоя пухтааст; **у меня** ~**ло реше́ние** ман ба (ин) қарор омадам

созы́в *м* (*по знач. гл.* **созва́ть**) даъват, даъваткунӣ, чеғ задан(и), чеғзанӣ; ~ **заседа́ния** барпо кардани маҷлис; **се́ссия Верхо́вного Сове́та СССР пя́того** ~**а** сессияи Совети Олии СССР даъвати панҷум

созыва́ть *несов. см.* **созва́ть**

созыва́ться *несов. страд.* даъват карда шудан, чеғ зада шудан, фарьёд карда шудан

соизволе́ние *с уст. книжн. теперь ирон.* иҷозат, рухсат марҳамат, илтифот

соизво́лить *сов. с неопр. уст. книжн. теперь ирон.* марҳамат кардан; ~ **прийти́** марҳамат карда омадан

соизволя́ть *несов. см.* **соизво́лить**

соизмери́мость *ж* 1. *мат.* ҳамандоза будан(и), ҳамченак будан(и); ~ **двух отре́зков** ҳамандоза будани ду порча 2. *перен.* муқоисашавандагӣ; ~ **поня́тий** муқоисашавандагии мафҳумҳо

соизмери́м||ый, -ая, -ое (соизмерим, -а, -о) 1. *мат.* ҳамандоза, ҳамченак

~ые величины бузургиҳои ҳамандоза 2. *перен.* муқоисашаванда; **~ые понятия** мафҳумҳои муқоисашаванда

соизмерить *сов. что* андоза (ченак) кардан, муқоиса кардан

соизмерять *несов. см.* **соизмерить**

соизмеряться *страд.* ҳамандоза (ҳамченак) шудан; муқоиса шудан

соискание *с* саъй (ҷаҳд, кушиш) кардан *(барои гирифтани ном, унвон, ё мукофоте дар мусобиқа)*; **~ степени доктора филологических наук** саъйи гирифтани унвони доктори илми филология

соискатель *м* иштирокчии мусобиқа, рақиб

соискательница *женск. к* **соискатель**

соискательство *с* мусобиқа, рақобат

сойка *ж зоол.* хул

сойти *сов.* 1. *с чего* фуромадан; **~ с лестницы** аз зина фуромадан 2. *на кого-что перен.* расидан, шудан, пайдо шудан; **на землю сошла ночь** шаб расид 3. *с чего на что* гузаштан; **~ с тротуара на мостовую** аз пиёдараҳа ба мошинраҳа гузаштан 4. *с чего* баромадан, фуромадан; **трамвай сошёл с рельсов** трамвай аз рельс баромадааст; **~ с трамвая** аз трамвай фуромадан 5. *с чего* рафтан, нест шудан; **вода сошла с лугов** об аз марғзор рафт; **с обожжённого пальца сошла кожа** пусти ангушти сӯхта рафт; **с её лица сошёл румянец** сурхии рухсораш рафт 6. *за кого-что разг.* ...барин шудан, рафтан, гузаштан; **в таком костюме он сойдёт за взрослого** бо ин костюм вай одами калонсол барин мешавад ◇ **сойдёт и так** ҳамин тавр ҳам шудан мегирад; **~ в могилу** реҳлат кардан; **~ за чистую монету** зоҳиран дуруст намудан; **~ на нет** 1) нест шудан, тамоман нест шудан 2) ҳеҷ шудан; **~ с дистанции** *спорт.* аз мусобиқа баромадан *(мас. дар пойга)*; **~ с рук** 1) *кому* беҷазо мондан, бе оқибат мондан 2) навъе гузаштан, бе ҷанҷол гузаштан; **~ со сцены** аз арса баромадан; **~ с ума** ақлро гум кардан, ҷиннӣ (девона) шудан

сойтись *сов.* 1. вохурдан, дучор шудан, (омадан) мулоқот кардан, ру ба ру шудан; **мы с ним сошлись в парке** мо бо вай дар боғ дучор шудем 2. ҷамъ шудан (омадан), ғун шудан; **школьники сошлись у музея** мактаббачаҳо дар назди музей ҷамъ шуданд 3. дучор шудан, мусобиқа кардан, ба мусобиқа даромадан; **за столиком сошлись два известных шахматиста** дар сари мизи шоҳмотбозӣ ду шоҳмотбози машҳур ба якдигар дучор шуданд 4. *перен. (сблизиться)* ба ҳамдигар маъҳул (ошно, дуст) шудан; **мы с ним сошлись за годы учения** мо бо вай дар солҳои таҳсил ба ҳамдигар дуст шудем 5. *перен.* ба ҳамдигар расидан, зану шуй шудан 6. *в чём, чем перен.* баробар (мувофиқ) омадан; **~ во мнениях** ҳамфикр баромадан; **они не сошлись характерами** ситораашон ба ҳамдигар рост наомад; **диагнозы врачей сошлись** ташхиси духтурҳо мувофиқ омадааст 7. *перен. разг.* дар як вақт ба вуқуъ омадан, рост (мувофиқ, туғрӣ) омадан; **отъезд, болезнь жены — всё сошлось сразу** ҳам сафар ва ҳам бемории занаш дар як вақт ба вуқуъ омадааст 8. ба ҳам расидан, пайвастан, ҳамшафат шудан; **земли колхозов сошлись у реки** заминҳои колхоз дар наздикии дарьё ба ҳам расидаанд; **концы пояса не сошлись** нугҳои камарбанд ба ҳам нарасидаанд; **свет не клином сошёлся, земля не клином сошлась** *погов.* ≈ пои фақир ланг нест, мулки худо танг нест, як дари баста, сад дари кушода 9. *разг.* маслиҳатро пухта кардан; **~ в цене** савдоро пазондан

сок *м* 1. шира, шарбат, об; **фруктовые ~и** шарбати мева; **желудочный ~** *физиол.* оби меъда; **выжать ~** шира баровардан 2. *перен. уст.* шира, қаймоқ, маза 3. *скорн.* тезоб ◇ **в (самом, полном) ~у** 1) *(о растениях)* дар айни тароват 2) *(о людях)* дар айни шаст; **вариться в собственном ~у** ғарқи худ шуда мондан; **выжать все ~и из кого** ширае касеро макида гирифтан

соковарка *ж* шарбатпазак

соковыжималка *ж* шарбатафшурак

сокол I *м* 1. *зоол.* боз, шоҳин, лочин 2. *перен. чаще мн.* **соколы** *высок. (о лётчиках)* шоҳин; **гордые ~ы нашей Родины** шоҳинони пурифтихори ватани мо 3. *чаще в обращ. и в сочет. со сл. «ясный»* ҷавон *фольк.*; **~ ты мой ясный!** ҷавони барнои ман! ◇ **гол как сокол** луб-луч

сокол II *м стр.* андова

соколёнок *м* шоҳинбача

соколий, -ья, -ье *см* **соколиный**

соколик *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **сокол I**; 2. *чаще в обращ.* писари азиз, йигитча; **отдохни, ~ мой!** писари азизам, дам гир!

соколин||ый, -ая, -ое 1. ...и боз, ...и лочин; **~ые перья** парҳои боз; **~ая охота** шикор бо лочин 2. тез, равшан, пурмазмун; **очи ~ые** чашмони тез; **~ый взгляд** нигоҳи равшан, нигоҳи пурмазмун 3. *в знач. сущ.* **соколиные** *мн.* лочиниҳо

соколок *м см.* **сокол II**

сокольник *м см.* **сокольничий**

сокольничий *м ист.* миршикор

сократимость *ж* 1. *мат.* ихтисоршавандагӣ 2. *физиол.* кашидашавӣ; **~ мышц** кашидашавии мушакҳо

сократим||ый, -ая, -ое (сократим, -а, -о) 1. *мат.* ихтисоршаванда; **~ые числа** ададҳои ихтисоршаванда 2. *физиол.* кашидашаванда, кутоҳшаванда

сократить *сов.* 1. *что* кутоҳ кардан, мухтасар (ихтисор) кардан; **~ доклад** маърузаро кутоҳ кардан 2. *что* кам (кутоҳ) кардан; **~ рабочий день** рузи кориро кутоҳ кардан 3. *что* кам кардан; **~ армию** армияро кам кардан; **~ административно-хозяйственный аппарат** аппарати маъмурии хоҷагиро кам кардан; **~ расходы** хароҷотро кам кардан 4. *кого разг.* аз кор озод кардан; **~ двух человек** ду нафарро аз кор озод кардан 5. *что мат.* ихтисор кардан; **~ числитель и знаменатель на пять** сурату махраҷро ба панҷ ихтисор кардан

сократи||ться *сов.* 1. кутоҳ (мухтасар, ихтисор) шудан; **благодаря развитию авиации расстояния ~лись** ба инкишофи авиация роҳҳо кутоҳ шуданд 2. кутоҳ (кутоҳтар) шудан; **ночи ~лись** шабҳо кутоҳтар шуданд 3. кам шудан; **затраты заметно ~лись** хароҷот анча кам шуд 4. *мат.* ихтисор шудан; **дробь ~лась** каср ихтисор шуд 5. *физиол.* кашида шудан; **мышцы ~лись** мушакҳо кашида шуданд

сокращать *несов. см.* **сократить**

сокращаться *несов.* 1. *см.* **сократиться**; 2. *страд.* ихтисор карда шудан; кутоҳ карда шудан; кам карда шудан

сокращени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **сократить***)* кутоҳкунӣ, ихтисоркунӣ; мухтасаркунӣ, камкунӣ; аз кор озодкунӣ; *(по знач. гл.* **сократиться***)* ихтисоршавӣ, мухтасаршавӣ, кутоҳшавӣ; камшавӣ; **~е рабочего дня** кутоҳкунии рузи кор; **~е штатов** камкунии штатҳо 2. *мат.* ихтисоршавӣ; **~е дробей** ихтисоршавии каср 3. *физиол.* кашидашавӣ; **~е мышц** кашидашавии мушакҳо 4. калимаи мухтасар; **условные ~я** ихтисораҳои шартӣ 5. ихтисор, мухтасар; **роман печатается с ~ями** роман мухтасар чоп карда мешавад

сокращённо *нареч.* мухтасаран; ба таври мухтасар, кутоҳ карда, ихтисор карда; **~ изложить доклад** маърузаро мухтасар баён кардан

сокращённ||ый, -ая, -ое (сокра|щён, -щена, -щено) 1. *прич.* мухтасар (ихтисор, кутоҳ) кардашуда, кам кардашуда 2. кутоҳ; **~ый рабочий день** рузи кутоҳи кор 3. кутоҳ, мухтасар; **~ый курс иностранного языка** курси мухтасари забони хориҷӣ; **~ый план работ** плани мухтасари кор; **~ое слово** калимаи мухтасар

сокровенность *ж* махфӣ будан(и), ниҳонӣ (пинҳон) будан(и); **~ дум** ниҳонӣ будани хаёлу андеша

сокровенн||ый, -ая, -ое (сокровен, -на, -но) махфӣ, пинҳонӣ, ниҳонӣ, пинҳон, ниҳон; **~ые чувства** эҳсосоти ниҳонӣ

сокровищ||е *с* 1. *чаще мн.* **сокровища** ҷавоҳирот, ганҷ; **несметные ~а** ганҷи бешумор 2. *перен.* дурдона, ганҷ; **~е народного творчества** ганҷи эҷодиёти халқ; **он для нас настоящее ~е** вай барои мо ганҷи ҳақиқист // *(о ком-либо дорогом)* дурдона ◇ **ни за какие ~а** ба ҳеҷ ваҷҳ, ҳеҷ вақт, ҳаргиз

сокровищница *ж прям., перен.* ганҷина, хазина

сокрушать *несов. кого-что* 1. хароб кардан, вайрон кардан, несту нобуд кардан, сарнагун кардан; **~ врага** душманро несту нобуд кардан 2. ғамгин (андуҳгин, хафа) кардан

сокруша́ться *несов.* 1. *о ком-чём разг.* ғамгин (андухгин, хафа) шудан, ғам хӯрдан; ~ **о родны́х** ғаму ғуссаи хешовандонро хурдан 2. *страд.* хароб (вайрон, несту нобуд, сарнагун) карда шудан

сокруше́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **сокруша́ть** 1) харобкунӣ, вайронкунӣ, несткунӣ, сарнагункунӣ; ~ **врага́** несткунии душман 2. ғам, дилшикастагӣ, андух, хафагӣ; **говори́ть о чём-л. с ~м** бо андух дар бораи чизе гап задан

сокруши́тельный, -ая, -ое харобкунанда, вайронкунанда, муҳлик, ҳалокатовар; ~ **отпо́р** муқобилати ҳалокатовар; **нанести́ ~ уда́р** зарбаи ҳалокатовар расондан

сокруши́ть *сов. см.* **сокруша́ть**

сокры́тие *с офиц.* пинҳонкунӣ, махфидорӣ, русткунӣ; ~ **преступле́ния** пинҳонкунии ҷиноят

сокры́ть *сов. офиц. см.* **скрыть**

соку́рсник *м* ҳамдарс, ҳамкурс

соку́рсница *женск. к* **соку́рсник**

солга́||ть *сов.* дуруғ гуфтан; **он нам ~л** вай ба мо дуруғ гуфтааст

солда́т *м* солдат, аскар; **~ы Сове́тской А́рмии** солдатҳои Армияи Советӣ

солда́тик *м* 1. *ласк. к* **солда́т**; 2. (*игрушка*) аскарча, сарбозак (*бозича*) 3. *в знач. нареч.* **солда́тиком** худро рост гирифта

солда́тка *ж* зани солдат, зани аскар

солда́тск||ий, -ая, -ое ...и солдат, солдатӣ, ...и аскар, аскарӣ; **~ая фо́рма** либоси солдатӣ

солда́тчина *ж* 1. *ист.* (*рекрутский набор*) аскаргирӣ 2. *уст.* (*солдатская служба*) хизмати аскарӣ (солдатӣ)

солдафо́н *м разг. презр.* одами дағал (дурушт, бадлафз, бадмуомила)

солева́р *м* коргари корхонаи намак

солеваре́ние *с* намакпазӣ

солева́ренный, солева́рный, -ая, -ое ...и намак; ~ **заво́д** заводи намак

солева́рня *ж* корхонаи намак

солево́й, -ая, -ое ...и намак, ~ **раство́р** махлули намак

соледобыва́ющ||ий, -ая, -ее ...и [истихроҷи] намак; **~ая промы́шленность** саноати намак

солело́мня *ж* кони намак

соле́ние *с* (*по знач. гл.* **соли́ть**) намакзанӣ, намакандозӣ, намакхобонӣ; ~ **огурцо́в** намакхобонии бодиринг

солено́ид *м тех., физ.* соленоид (*симҳалқаи атрофи дила, ки ҳангоми аз он гузаштани токи электрики майдони магнитӣ пайдо мешавад*)

солёность *ж* намакин будан(и), шӯр будан(и); дараҷаи шӯрӣ, намакдорӣ; ~ **морско́й воды́** шӯрии оби баҳр

солён||ый, -ая, -ое (со́лон, солона́, со́лоно) *разг.* 1. шӯр; **~ые озёра** кулҳои шӯр; **~ый исто́чник** чашмаи шӯр 2. *тк. полн. ф.* намак задашуда, намакин; **~ые огурцы́** бодиринги намакин 3. *перен.* беадабона, қабеҳ; **~ое словцо́** сухани қабеҳ

солёнье *с* (*продукты*) очор

солепромы́шленник *м уст.* соҳиби саноати намак

солепромы́шленность *ж уст.* саноати намак

солидариза́ция *ж* ҳамфикршавӣ, ҳамраъйшавӣ, муттафиқшавӣ

солидаризи́роваться *сов., несов. с кем-чем* ҳамфикр (ҳамраъй) шудан; ~ **с мне́нием окружа́ющих** бо атрофиён ҳамфикр шудан

солида́рно *нареч.* ҳамфикрона, муттафиқона; **де́йствовать ~** муттафиқона амал кардан

солида́рность *ж* 1. ҳамфикрӣ, ҳамраъйӣ; муттафиқӣ; **кла́ссовая ~** ҳамфикрии синфӣ; **междунаро́дная ~ трудя́щихся** муттафиқии байналхалқии меҳнаткашон 2. *юр.* ҷавобгарии якҷоя, масъулияти муштарак

солида́рн||ый, -ая, -ое (солидар|ен, -на, -но) 1. ҳамфикр, ҳамраъй, муттафиқ; **быть ~ым** *с кем-л.* ҳамфикр будан 2. *тк. полн. ф. юр.* ...и масъулияти якҷоя; **~ые обяза́тельства** ухдадориҳои якҷоя; **де́йствовать за ~ой отве́тственностью** аз рӯи масъулияти якҷоя амал кардан

соли́дно *нареч.* 1. маҳкам, мазбут, мустаҳкам; **ме́бель сде́лана ~** мебель мустаҳкам сохта шудааст 2. бовиқор, босалобат, бошукӯҳ; ~ **прогу́ливаться** бовиқор гардиш кардан 3. *перен.* ҷиддӣ, ботамкин, муътабар; боэътибор; **он вы́глядит ~** вай одами муътабар менамояд 4. *разг.* анча зиёд, анча калон, дуруст; ~ **зараба́тывать** пули анча калон кор кардан

соли́дность *ж* 1. мустаҳкамӣ, устуворӣ, маҳкам будан(и) 2. виқор, салобат, разинат; ~ **похо́дки** салобати рафтор 3. *перен.* ҷиддият, боэътиборӣ, муътабарӣ 4. *разг.* анча калон будан(и), муҳим будан(и)

соли́дн||ый, -ая, -ое (соли́д|ен, -на, -но) 1. мустаҳкам, устувор, маҳкам; **~ые постро́йки** иморатҳои мустаҳкам 2. бовиқор, ботамкин; **~ый вид** намуди бовиқор 3. ҷиддӣ, муътабар, боэътибор; **~ый учёный** олими муътабар; **~ое образова́ние** маълумоти (дониши) комил 4. *разг.* солхурда, калонсол; **мужчи́на ~ых лет** марди солхӯрда 5. *разг.* калон, анча калон; **~ая зарпла́та** маоши анча калон

солидо́л *м тех.* солидол (*навъи равғани мотор*)

солипси́зм *м филос.* солипсизм (*ақидаи идеалистонаи фалсафӣ, ки танҳо «ман» — и шахсро ҳақиқӣ дониста, мавҷуд будани олами объективиро инкор мекунад*)

солипси́ст *м филос.* солипсист, пайрави солипсизм

соли́ровать *сов., несов.* якканавозӣ кардан, якка навохтан (хондан); ~ **на скри́пке** дар скрипка якка навохтан

соли́ст *м* солист, яккахон, якканавоз, яккарақскунанда; ~ **о́перного теа́тра** солисти театри опера

соли́стка *женск. к* **соли́ст**

солите́р *м* (*крупный брильянт*) яккаалмос (*алмоси калон*)

солитёр *м зоол.* кирми кадудона (*навъи кирми руда, ки танааш дароз буда, аз буғумҳои бисёр иборат аст*)

соли́ть *несов. что* 1. намак андохтан; ~ **суп** ба шурбо намак андохтан 2. намакин кардан, дар намак хобондан, намак задан; ~ **ры́бу** моҳиро намак задан

соли́ться *несов.* 1. намакин шудан 2. *страд.* намак андохта шудан

со́лка *ж* (*по знач. гл.* **соли́ть** 2) намакинкунӣ, намакзанӣ, дар намак хобондан(и); ~ **ры́бы** дар намак хобондани моҳӣ

со́ллюкс *м* соллюкс (*чароғи равшании рефлектории электрики, ки воситаи муолиҷа бо шуоъ мебошад*)

со́лнечно *нареч. и в знач. сказ. безл.* [ҳаво] офтоб аст; **сего́дня ~** имруз офтоб аст

со́лнечн||ый, -ая, -ое (со́лнеч|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* ...и офтоб, офтобӣ; **~ая систе́ма** системаи офтобӣ; **~ая эне́ргия** қувваи офтоб; **~ое затме́ние** гирифтани офтоб, кусуф; **~ая пого́да** рузи офтоб; **~ая сторона́** офтобрӯя 2. *перен.* хурсандона, фараҳбахш, хуш, хушвақтона; **~ое настрое́ние** димоғи чоқ, кайфияти хуш ◇ **~ое сплете́ние** *анат.* асабҳои болои ноф; **~ый уда́р** *мед.* офтобзанӣ; **~ые часы́** соати офтобӣ; **~ая коро́на** тоҷи офтоб; **~ая акти́вность** хуруши офтоб

со́лнц||е *с* 1. офтоб; (*астр.* С *прописное* — Офтоб); **~е взошло́** офтоб баромад; **~е зашло́** офтоб фурӯ рафт (нишаст); **свет ~а** рушноии офтоб; **лучи́ ~а** шуоҳои офтоб 2. офтоб, равшанӣ, нур, зиё, партав, гармӣ; **гре́ться на ~е** дар офтобруя гарм шудан ◇ **го́рное ~е** *мед.* лампаи электрикии махсус барои муолиҷа; **до ~а** дами саҳар; **и на ~е есть пя́тна** *посл.* офтоб ҳам [дар рӯяш] доғ дорад; одами беайб нест; одамизод шири хомхурда

солнцеворо́т *м* инқилоби офтоб

солнцезащи́тн||ый, -ая, -ое офтобпӯш, офтобпанаҳ; **~ые очки́** айнаки офтобпанаҳ

солнцепёк *м* офтобруя, офтобтеға; **сиде́ть на ~е** дар офтобруя нишастан

солнцестоя́ние *с астр.* инқилоби Офтоб (*убури Офтоб аз дуртарин ё наздиктарин нуқтаи эклиптика; инқилоби тобистонӣ 21—22 июнь — ибтидои кутоҳшавии руз, инқилоби зимистонӣ 21—22 декабрь — ибтидои дарозшавии руз*); **ле́тнее ~** инқилоби тобистонии Офтоб; **зи́мнее ~** инқилоби зимистонии Офтоб

со́лнышко *с* 1. *ласк. к* **со́лнце**; 2. *чаще обращ. со сл.* ҷонам, ҷони ман; **моё ~** ҷонакам

со́ло *с нескл.* 1. *муз.* соло (*асари мусиқӣ ё як қисми он барои яккахонӣ ё якканавозӣ*) 2. *театр.* рақси якка 3. *в знач. нареч.* якка, танҳо; **танцева́ть ~** якка рақс кардан; **петь ~** якка сурудан

солов||е́й *м* булбул, андалеб ◇ **залива́ться (разлива́ться) ~ьём** *шутл.* булбули гуё шудан

солове́ть *несов. прост.* 1. (*о глазах*) тира (хира) шудан (*аз беморӣ ё бадма-*

стӣ) 2. *(о человеке)* хаста (суст, пажмурда, шалпар) шудан

солов||ый, -ая, -ое: **~ая лошадь** аспи саманди язидӣ

соловьин||ый, -ая, -ое ...и булбул; **~ые трели** чаҳ-чаҳи (нағмаи, марғулаи) булбул

сóлод *м* сумалак; **ячмéнный ~** сумалаки ҷав

солодить *несов. что* сумалак хобондан; **~ ячмéнь** аз ҷав сумалак хобондан

солодиться *несов. страд.* сумалак шудан

солóдка *ж бот.* бия, ширинбия, сус

солодкóвый, -ая, -ое ...и бия, ...и ширинбия; **~ кóрень** решаи ширинбия

солодóвый, -ая, -ое ...и сумалак; **~ сáхар** қанди сумалак

соложéние *с (по знач. гл.* **солодить***)* сумалак хобондан(и)

солóм||а *ж* коҳ, пахол, поя; **пшенúчная ~а** коҳи гандум; **ячмéнная ~а** коҳи ҷав ◇ **головá ~ой набúта** каллакаду, каллаварам

солóменн||ый, -ая, -ое 1. ...и коҳ, ...и пахол, пахолӣ; **~ый цвет** ранги коҳ 2. пахолӣ; **~ая цинóвка** бурьё ◇ **~ая вдовá** *шутл.* бевазани зиндаҷудо *(зане, ки аз шавҳар ҷудо шудааст ва ё муваққатан бо шавҳараш зиндагонӣ намекунад)*; **~ый вдовéц** *шутл.* бевамарди зиндаҷудо *(марде, ки аз занаш ҷудо шудааст ва ё муваққатан бо занаш зиндагонӣ намекунад)*

солóмина *ж* гандумпоя, ҷавпоя

солóминка *ж уменьш. к* **солóмина** ◇ **утопáющий и за солóминку хватáется** *погов.* ≈ аз мӯй мадад

солóмка *ж* 1. *разг. уменьш.-ласк. к* **солóма**; 2. *(тонкая деревянная стружка)* тарошаи майда 3. ҷӯбак *(анвои шаклан ҷӯбчамонанди конфет, печенье, макарон ва г.)*

соломокопнúтель *м с.-х.* мошини пахолғарамкунанда

соломоподъёмник *м с.-х.* мошини пахолбардор

соломорезка *ж с.-х.* ҷоду, аррадос

соломотря́с *м* пахолҷудокунак; коҳбода

солонéц *м* 1. шуразамин 2. шуркӯл, шурҷашил

солонúна *ж* гушти намакин; қадид

солонúца *ж прост. см.* **солóнка**

солóнка *ж* намакдон

солоновáтый, -ая, -ое (солоноват, -а, -о) шуртаъм, шуракак, андак шур; **~ прúвкус** шуртаъм

солончáк *м* замини шур, шурзамин, шуразамин

солончакóв||ый, -ая, -ое ...и замини шур; **~ые пóчвы** шурзамин; **~ые растéния** растаниҳои замини шӯр

соль I *ж* намак; **каменная ~** намаксанг; **морская ~** намаки баҳр; **повáренная ~** намаки ош ◇ **английская ~** *фарм.* намаки исҳол; **гóлая ~** бисьёр шур; **вся ~ в э́том** ҷони гап дар ин аст; **~ земли** зебн мамлакат; **хлеб-~** 1) *(угощение)* нону намак 2) *(гостеприимство, забота, попечение)* меҳмоннавозӣ, меҳмондустӣ

соль II *с нескл. муз.* соль *(нотаи панҷуми гаммаи диатонӣ)*

сóльдо *с* сольдо *(пули майдаи итальянӣ баробари $^1/_{20}$ лира, ки то соли 1947 дар муомила буд)*

сóльн||ый, -ая, -ое ...и соло, ...и яккаиҷрокунӣ, ...и якка (танҳо) иҷро карда мешудагӣ; **~ый нóмер** номери якка иҷро карда мешудагӣ; **~ое пéние** яккахонӣ

сольфéджио *с нескл. муз.* сольфеҷио *(машқи сурудхонӣ барои такмили қувваи сомеа ва овоз ва инчунин ҳосил намудани малакаи нотахонӣ)*

соля́нка I *ж бот.* шӯра, шӯрабутта

соля́нка II *ж кул.* 1. кабоби дегӣ 2. карамшурбо

солян||óй, -áя, -óе ...и намак; **~óй пласт** қабати намак; **~ы́е кóпи** кони намак

солянокúслый, -ая, -ое *хим.* ...и перхлорат

соля́н||ый, -ая, -ое: **~ая кислотá** кислотаи хлорид

соля́рий *м* 1. офтобрӯя, офтобҷои иморат 2. офтобҷо *(майдончаи махсус барои муолиҷа бо нури Офтоб)* 3. офтобсаҳн *(ҳавлии махсуси фабрикаҳои паррандапарварӣ барои офтоб додани ҷӯҷаҳо)*

соля́рка *ж разг.* солярка *(навъи сузишворӣ)*

сом *м зоол.* лаққамоҳӣ

соматúческ||ий, -ая, -ое *биол., мед.* ҷисмонӣ; **~ое заболевáние** бемории ҷисмонӣ

соматолóгия *ж мед.* соматология *(як фасли тиб, ки андоза ва таносуби тани инсонро меомӯзад)*

сомбрéро *с нескл.* сомбреро *(кулоҳи васеълапари испанӣ)*

сóмкнутость *ж* зичӣ, зич будан(и), ҷафсӣ; **~ рядóв** зичии қаторҳо, зич будани саф

сóмкнут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* зич (ҷафс) кардашуда 2. *прил.* зич, ҷафс; **~ые колóнны** сутунҳон зич

сомкнýть *сов. что* 1. зич (ҷафс, васл, пайванд, вобаста) кардан, муттафиқ кардан; **~ ряды́** сафҳоро зич кардан 2. пӯшидан; **~ вéки** чашм пушидан; **глаз не ~** чашм напӯшидан, мижа таҳ накардан

сомкнý||ться *сов.* 1. зич (ҷафс, васл, пайванд, муттаҳид, муттафиқ) шудан; **ряды́ ~лись** сафҳо зич шуданд 2. пушида шудан; **вéки ~лись** чашмҳо пушида шуданд; **сомкнúсь!** зичтар шавед!

сомлéть *сов. уст. и прост.* 1. *(ослабеть)* лакот (беҳол) шудан 2. *(впасть в обморочное состояние)* беҳуд (беҳуш) шудан

сомнамбулúзм *м мед.* сомнамбулизм, моҳпарма *(як навъ бемории руҳӣ, ки гирифтори он дар ҳолати хоб роҳ мегардад ё коре мекунад)*

сомневá||ться *несов. в ком-чём и с союзом «что»* шубҳа кардан (доштан), шак (шакку шубҳа) доштан, дилпур набудан; **~ться в чём-л.** ба чизе шак доштан; **я в нём не ~юсь** ман аз вай дилпурам; **я не ~юсь, что...** ман шаке надорам, ки...

сомнéни||е *с* шак, шубҳа, шакку шубҳа, тардид; **возбуждáть ~я** шубҳа кунондан; **испы́тывать ~е** шак доштан; **э́то не подлежúт ~ю** дар ин шаке нест ◇ **без ~я, вне ~я** *вводн. сл.* бе шак, албатта, ҳатман; **он, без ~я, придёт** вай албатта меояд; **брать под ~е** зери шубҳа гирифтан, шубҳа овардан; **меня́ глóжет червь ~я** дилам пур не, дилам хиҷил

сомнúтельно 1. *нареч.* шубҳаомез, шубҳаангез 2. *в знач. сказ. кому и без доп.* шубҳаомез аст, шубҳаангез аст, дар гумон аст; **такóе решéние ~** ин гуна қарор (ҳалл) шубҳаомез аст; **~, уéдем ли мы сегóдня** имруз рафтани мо дар гумон аст

сомнúтельность *ж* шубҳаомезӣ, шубҳаомез будан(и); **~ решéния** шубҳаомезии қарор; **~ репутáции** шубҳаомез будани эътибор; **~ успéха** шубҳанокии пешрафт

сомнúтельн||ый, -ая, -ое (сомнúте|лен, -льна, -льно) 1. шубҳаомез, шубҳаангез; **~ые дáнные** маълумоти шубҳаомез; **~ая лúчность** шахси шубҳанок 2. сарбаста, духура, муғлақ; **~ый комплимéнт** таърифи духӯра

сомнóжитель *м мат.* ҳамзарбкунанда

сóмовый, -ая, -ое 1. ...и лаққамоҳӣ 2. *в знач. сущ.* **сóмовые** *мн. зоол.* лаққамоҳиҳо

сон *м* 1. хоб, навм; **глубóкий (крéпкий) ~** хоби сахт; **беспокóйный ~** хоби норохат (нотинҷ); **лёгкий ~** хоби сабук; **клóнит ко снý** хоб мебарад; **пробудúться от сна** [аз хоб] бедор шудан; **отойтú ко снý** хоб кардан, ба хоб рафтан // *(спячка)* хоб 2. хоб, рӯъё; **стрáшный ~** хоби ганда; **увúдеть ~** хоб дидан 3. *перен.* хобу хаёл, хаёлоти хом, орзу ◇ **~ в рýку** хоб рост баромад; **как во снé** хобу хаёл барин; **ни сном ни дýхом** ҳеҷ баҳушу беҳуш айб(аш) нест; **сквозь ~** хобу хоболуд; **воспря́нуть от снá** аз хоб бедор шудан; **заснýть вéчным (послéдним) сном** чашм аз ҷаҳон пӯшидан; **и во снé не снúлось** дар хобаш ҳам намедид; **сна ни в однóм глазý** *прост.* ҳеҷ хоб намебарад; **спать сном прáведника** сахту ором хоб кардан; **что сей ~ знáчит?** *шутл.* ин чӣ маънӣ дорад?, ин чӣ чиз аст?

сонáта *ж муз.* соната *(як хел асари мусиқӣ аз се ё чор қисм иборат)*

сонатúна *ж муз.* сонатина *(сонатаи хурд)*

сонáтный, -ая, -ое ...и соната

сонéт *м лит.* сонет *(шеъри чордаҳмисраа, ки аз ду рубоӣ ва ду мусаллас иборат аст)*

сонéтка *ж уст. (звонок)* зангӯлача *(дар хонаҳои аъёну ашроф барои ҷег задани хизматгорон)*

сонлúвость *ж* хоболудӣ, серхобӣ; **болéзненная ~** серхобии дардмандона

сонлúв||ый, -ая, -ое (сонлúв, -а, -о) хоболуд, серхоб, пинакӣ; **~ое выражéние лицá** чеҳраи хоболуд

сонм *м уст. книжн.* анбух, гала, маърака ◇ **причи́слить к** ~**у** *кого* катй кардан, ба тоифае даровардан

со́нмище *с см.* **сонм**

со́нник *м уст.* хобнома, таъбирномаи хоб

со́нн||ый, -ая, -ое 1. ...и хоб, хобида, хуфта; ~**ое состояние** ҳолати хоб 2. хоболуд; ~**ый вид** намуди (афти) хоболуд; ~**ые глаза** чашмони хоболуд 3. хобида, хуфта; **в до́ме** ~**ое ца́рство** дар хона ҳама хобидаанд 4. *уст.* хобовар; ~**ые ка́пли** доруи хоб 5. *перен.* суст, карахт, бепарво(ёна); ~**ое существова́ние** зиндагии карахт 6. *(о рыбе)* мурда ◇ ~**ые арте́рии** *анат.* рагҳои хоб *(ду раги шараён, ки дар ду тарафи роҳи нафаскашӣ мавҷуданд)*; ~**ая боле́знь** касалии хоб; ~**ая тетёря** *прост.* уммати (бандаи) хоб

соно́рн||ый, -ая, -ое: ~**ые согла́сные** *лингв.* ҳамсадоҳои сонорӣ, ҳамсадоҳои ҷарангдор

со́ня 1. *м, ж разг.* бандаи хоб, одами серхоб 2. *ж зоол.* хобак *(навъи муш)*

соображá||ть *несов.* 1. *см.* **сообрази́ть**; 2. ақл давондан, майна кор фармудан; **бы́стро** ~**ть** майнаро зуд кор фармудан; **он хорошо́** ~**ет** вай ақлашро хуб медавонад

соображáться *несов. уст.* мувофиқи (муносиби) *чизе* амал кардан; мувофиқ (муносиб) омадан

соображе́ни||е *с* 1. фаҳмидан(и), фаҳмиш, дарккунӣ; андеша; **де́йствовать без** ~**я** беандеша амал кардан 2. фикр, мулоҳиза, андеша; **це́нное** ~**е** фикри пурбаҳо, мулоҳизаи пухта; **на осно́ве экономи́ческих** ~**й** дар асоси мулоҳизаҳои иқтисодӣ; **вы́сказать свои́** ~**я** фикри худро баён кардан; **подели́ться свои́ми** ~**ями** мулоҳизаҳои худро гуфтан ◇ **приня́ть (взять)** *что-л.* **в** ~**е** ба назар гирифтан

сообрази́тельность *ж* зираки, фаросат, хушфаҳмӣ

сообрази́тельный, -ая, -ое (сообразите|лен, -льна, -льно) зирак, хушфаҳм, бофаросат, доно; ~ **челове́к** одами зирак

сообрази́||ть *сов.* 1. *с придат. дополнительным и без доп.* фаҳмидан, дарк кардан, сарфаҳм рафтан; **он** ~**л, в чём де́ло** вай фаҳмид, ки гап дар куҷост; **я не могу́** ~**ть, как быть** ман намедонам, ки чӣ кор кунам 2. *что или с неопр. прост. шутл. (приготовить еду)* тайёр (муҳайё) кардан; тақкил кардан

сообрази́ться *сов. см.* **соображáться**

сообра́зно *нареч.* мувофиқ, мувофиқи...; **поступа́ть** ~ **обстоя́тельствам** мувофиқи шароит рафтор кардан; **ни с чем не** ~ чизеро ба назар (ба эътибор) нагирифта

сообра́зность *ж* мувофиқӣ, муносиби, мувофиқат, муносибат

сообра́зн||ый, -ая, -ое (сообра́з|ен, -на, -но) мувофиқ, муносиб; **да́нные,** ~**ые с предвари́тельными расчётами** амълумоти ба ҳисоби пешакӣ мувофиқ; **ни с чем не** ~**ый** ба чизе мувофиқ (муносиб) набуда

сообразова́ть *сов., несов. что с чем* муносиб (мувофиқ) кардан; ~ **свои́ де́йствия с интере́сами о́бщества** кори худро бо манфиатҳои ҷамъият мувофиқ кардан; ~ **расхо́ды с дохо́дами** хароҷотро бо даромад мувофиқ кардан

сообразова́ться *сов., несов. с чем книжн.* ҳаракати (рафтори) худро ба чизе мувофиқ кардан, чизеро ба назар гирифтан; ~ **с усло́виями** мувофиқи шароит ҳаракат кардан; ~ **с мне́нием окружа́ющих** фикри атрофиёнро (дигаронро) ба назар гирифтан

сообразо́вывать *несов. см.* **сообразова́ть**

сообразо́вываться *несов.* 1. *см.* **сообразова́ться**; 2. *страд.* мувофиқ (муносиб) карда шудан, ба назар гирифта шудан

сообща́ *нареч.* ҳамроҳ, якҷоя, бо ҳам, бо қувваи умум, шарикона; **де́йствовать** ~ якҷоя амал кардан

сообща́ть *несов. см.* **сообщи́ть**

сообща́||ться *несов.* 1. *см.* **сообщи́ться**; 2. *с чем* алоқа доштан, пайваста будан, ба ҳамдигар роҳ доштан; **э́ти ко́мнаты** ~**ются** ин хонаҳо пайвастаанд 3. *с кем-чем* алоқа кардан (доштан); ~**ться по телефо́ну** бо телефон алоқа кардан 4. *страд.* хабар дода шудан, маълум карда шудан, эълон карда шудан

сообща́ющи||йся *прич.* пайваста ◇ ~**еся сосу́ды** *физ.* зарфҳои пайваста

сообще́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **сообщи́ть**) хабар додан(и), маълум кардан(и), хабаррасонӣ; *(по знач. гл.* **сообщи́ться**) гузаштан(и), таъсир кардан(и); бахшидан(и); ~ **нове́йших да́нных** хабар додани навтарин маълумот 2. хабар, маълумот, ахборот, огоҳӣ; ~ **по ра́дио** хабари радио; **вы́слушать интере́сное** ~ ахбороти шавқовар гуш кардан 3. алоқа, робита; **железнодоро́жное** ~ алоқаи роҳи оҳан; **парохо́дное** ~ алоқаи киштӣ; **пути́ сообще́ния** роҳҳои алоқа

соо́бществ||о *с* 1. иттиҳод, ҷамъият, туда, гурух; **Европе́йское экономи́ческое** ~**о** (ЕЭС) Иттиҳоди европоии иқтисодӣ; **Сове́т европе́йских соо́бществ** Совети иттиҳодҳои Европа; **та́йное** ~**о** ҷамъияти махфӣ 2. *биол.* оила *(гуруҳи организмҳои растанӣ ё ҳайвонот, ки муваққатан ё доиман бо ҳам зиндагӣ мекунанд)*; **расти́тельное** ~**о** оилаи растанӣ 3. *уст. и книжн.* улфат, шинухез ◇ **в** ~**е** *с кем* якҷоя, бо якҷоягӣ, ҳамроҳ, ҳамроҳи ... , бо ҳам

сообщи́тельный, -ая, -ое (сообщи́те|лен, -льна, -льно) *уст.* улфатпазир, суҳбаторо

сообщи́ть *сов.* 1. *что, о чём* хабар додан (расондан), маълум (огоҳ) кардан, огоҳонидан; ~ **по ра́дио** бо радио хабар додан; ~ **но́вость** хабари тоза додан 2. *что кому* парваридан, талқин кардан; ~ **ребёнку любо́вь к му́зыке** дар дили кудак ҳаваси мусиқӣ парваридан 3. *что чему* бахшидан, соҳиби сифате кардан; ~ **мета́ллу но́вые сво́йства** ба металл хусусияти нав бахшидан; ~ **тка́ни огнеупо́рность** матоъро оташбардор кардан

сообщи́||ться *сов. кому* гузаштан, таъсир кардан: **о́бщее волне́ние** ~**лось и ему́** ҳаяҷони умум ба вай ҳам таъсир кард

соо́бщник *м* шарик, шарики ҷиноят

соо́бщница *женск. к* **соо́бщник**

соо́бщнический, -ая, -ое 1. ...и шарик 2. ...и шарики

соо́бщничество *с* шарики, шарикӣ дар ҷиноят

сооруди́ть *сов. что* барпо (бунёд) кардан, сохтан; ~ **зда́ние** иморат сохтан // *разг. шутл.* сохтан, тайёр кардан

сооружа́ть *несов. см.* **сооруди́ть**

сооружа́ться *несов. страд.* барпо (бунёд) карда шудан, сохта шудан

сооруже́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **сооруди́ть**) барпокунӣ, бунёдкунӣ, иморат, бинокунӣ, сохтан(и); ~**е зда́ния** сохтани бино 2. бино, сохтмон, иншоот; **масси́вное** ~**е** иншооти калону мустаҳкам; **промы́шленные** ~**я** иншооти саноатӣ; **спорти́вные** ~**я** иншооти спортӣ

соотве́тственно 1. *нареч.* ба таври мувофиқ, ба таври муносиб, ба навбати худ 2. *предлог с дат.* мувофиқи ... , муносиби ...; **поступи́ть** ~ **прика́зу** мувофиқи фармон рафтор кардан ◇ ~ **с э́тим** мувофиқи ин

соотве́тственный, -ая, -ое (соотве́тствен, -на, -но) *книжн.* мувофиқ, муносиб

соотве́тстви||е *с* мувофиқат, муносибат, таносуб; ~**е интере́сов** мувофиқати манфиатҳо; ~**е часте́й зда́ния** таносуби қисмҳои бино ◇ **в** ~**и с че́м-л.** мувофиқи чизе; **в** ~**и с зако́ном** мувофиқи қонун; **в** ~**и с совреме́нными тре́бованиями** мувофиқи талабот замона; **в** ~**и с це́лями коммунисти́ческого строи́тельства** мувофиқи мақсади сохтмони коммунизм

соотве́тствовать *несов. кому-чему* мувофиқ (муносиб) будан, мос (мувофиқ) омадан, мувофиқат кардан; ~ **назначе́нию** ба мақсад мувофиқ омадан; ~ **тре́бованиям жи́зни** ба талаботи ҳаёт мувофиқ будан; ~ **Конститу́ции СССР** мувофиқи Конститутсияи СССР будан

соотве́тствующ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* мувофиқ (муносиб) буда 2. *прил.* мувофиқ, муносиб, дахлдор; **дать** ~**ие устано́вки** супоришҳои муносиб додан; **сде́лать** ~**ие вы́воды** хулосаи лозима баровардан; **вы́делить для собра́ния** ~**ее помеще́ние** барои маҷлис бинои мувофиқ ҷудо кардан

соотве́тчик *м юр.* ба масъулият шарик

соотве́тчица *женск. к* **соотве́тчик**

соотéчественник *м* ҳамватан, ҳамдиёр

соотéчественница *женск. к* **соотéчественник**

соотнести́ *сов. что* муносибатро (таносубро) муайян кардан, муносибатдор кардан; ~ **два поня́тия** таносуби ду мафҳумро муайян кардан

соотнести́сь *сов.* муносибат (мувофиқат) доштан

соотносительность *ж* муносибатдорӣ, мутаносибӣ; ~ **двух явлений** мутаносибии ду ҳодиса

соотносительн||ый, -ая, -ое (соотносите|лен, -льна, -льно) муносибатдор, мутаносиб; ~**ые понятия** мафҳумҳои муносибатдор

соотносить *несов. см.* **соотнести**

соотноситься *несов.* 1. *см.* **соотнестись**; 2. *страд.* муносибат муайян карда шудан

соотношение *с* муносибат, таносуб; ~ **сил** таносуби қувваҳо; **установить** ~ **между чем-л.** муносибати байни чизҳоро муайян кардан

сопение *с* (*по знач. гл.* **сопеть**) оҳиста хур-хур кардан(и); (*звуки*) хур-хур

сопереживание *с* ҳамдардӣ, ҳамдард будан(и)

сопереживать *несов. что* ҳамдард будан

соперник *м* 1. рақиб, ҳариф, ҳамовард; **достойный** ~ **по шахматам** ҳарифи шоиста дар шоҳмотбозӣ 2. (*в любви*) рақиб, ағьёр

соперница *женск. к* **соперник**

соперничa||ть *несов.* 1. рақобат кардан, ҳариф будан; ~**ть друг с другом в искусстве фехтования** дар ҳунари шамшербозӣ бо ҳамдигар рақобат кардан // (*в любви*) рақиб будан 2. *перен.* баробар будан, монданӣ (камӣ) надоштан; **наши станки** ~**ют с лучшими иностранными станками** дастгоҳҳои мо аз беҳтарин дастгоҳҳои хориҷӣ монданӣ надоранд

сопернический -ая, -ое 1. ...и рақиб, ...и ҳариф 2. ...и рақобат

соперничество *с* рақобат; рақиб будан(и)

сопеть *несов.* оҳиста хур-хур кардан, бо димоғ нафас гирифтан

сопка *ж* 1. (*гора*) теппа, тал, пушта 2. (*вулкан*) кӯҳи оташфишон, вулкан

соплеменник *м уст.* ҳамқабила, ҳамтоифа

соплеменница *женск. к* **соплеменник**

соплеменный, -ая, -ое *уст.* ҳамқабила, ҳамтоифа

сопливый, -ая, -ое (соплив, -а, -о) *прост.* фисаш овезон, фисин

сопло *с тех.* сопло (*нуги конусшакли найчае барои мунтазамкунии ҷараёни моеъ ё газ*)

сопля *ж* 1. *мн.* **сопли** *прост.* оби (фиси) бинӣ 2. *прост.* (*капля*) оби бинӣ 3. *прост.* (*о ребёнке*) бачаи фисин 4. *перен. груб. прост.* (*о слабом человеке*) сустирода, беирода, беазм ◇ **на** ~**х** *груб.* амонат; **сопли распускать** *груб.* нолиш (шикоят, шиква) кардан; **соплёй перешибёшь** *груб.* чурук, нимҷон

сопляк *м* 1. *прост.* бачаи фисин 2. *перен.* сустирода, беирода, беазм

соподчинение *с* 1. (*по знач. гл.* **соподчинить** 1) бо ҳам баробар тобеъкунӣ, якҷоя тобеъкунӣ 2. *грам.* тобеъкунӣ, тобеъшавӣ; ~ **предложений** тобеъшавии ҷумлаҳо

соподчинённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* баробар тобеъ кардашуда, якҷоя тобеъ кардашуда 2. *прил. грам.* тобеъ, бо ҳам тобеъ; ~**ые предложения** ҷумлаҳои тобеъ

соподчинительн||ый, -ая, -ое *грам.* тобеъ, ...и тобеъкунӣ, тобеъкунанда; ~**ая конструкция** ҷумлаи тобеъ

соподчинить *сов.* 1. *кого-что кому-чему книжн.* баробар тобеъ кардан, якҷоя тобеъ кардан 2. *что чему грам.* тобеъ кардан; ~ **предложения** ҷумлаҳоро тобеъ кардан

соподчинять *несов. см.* **соподчинить**

соподчиняться *несов. грам. страд.* баробар тобеъ карда шудан, якҷоя тобеъ карда шудан; тобеъ гардонда шудан

сопоставимость *ж* таққос, қиёспазирӣ; ~ **данных** қиёспазирии маълумот

сопоставим||ый, -ая, -ое (сопоставим, -а, -о) муқоисашаванда, қиёспазир; ~**ые понятия** мафҳумҳои муқоисашаванда; ~**ые цены** нархҳои қиёспазир

сопоставительн||ый, -ая, -ое муқоисавӣ; ~**ая грамматика** грамматикаи муқоисавӣ

сопоставить *сов. кого-что и кого-что с кем-чем* муқоиса (таққос) кардан, ба ҳамдигар андоза кардан, татбиқ кардан; ~ **данные** маълумотро муқоиса кардан; ~ **показания свидетелей** баёноти шоҳидонро бо ҳамдигар муқоиса кардан

сопоставление *с* (*по знач. гл.* **сопоставить**) муқоиса, таққос, татбиқ; муқоисакунӣ; ~ **данных** муқоисаи маълумотҳо

сопоставлять *несов. см.* **сопоставить**

сопоставляться *несов. страд.* муқоиса (таққос, татбиқ, андоза) карда шудан

сопрано *нескл.* 1. *с* (*голос*) сопрано (*овози баландтарини занона*); **колоратурное** ~ сопраноиколоратурӣ 2. *ж разг.* (*певица*) сопрано (*сурудхонзани овозаш сопрано*)

сопревать *см.* **сопреть**

сопредельность *ж* ҳамҳудудӣ, ҳамҷаворӣ, ҳамҳудуд будан(и)

сопредельн||ый, -ая, -ое (сопреде|-лен, -льна, -льно) ҳамҳудуд, ҳамсарҳад, ба ҳам наздик; ~**ые понятия** мафҳумҳои ба ҳам наздик

сопре||ть *сов.* пусидан; **сено от дождей** ~**ло** хасбеда аз борон пусид

соприкаса||ться *несов. с кем-чем и без доп.* 1. ҳамҳудуд будан, дар шафат будан, пайваста будан; **наши сады** ~**ются** боғҳои мо ҳамҳудуданд 2. *перен.* алоқадор будан, ба ҳам дахл доштан, вобаста будан, бо ҳам вобаста будан; **наши интересы** ~**ются** манфиатҳои мо бо ҳам вобастаанд 3. ба ҳам расидан; **полы пальто не находят друг на друга, а только** ~**ются** лабҳои доман, ҳамдигарро напушида, танҳо ба ҳам мерасанд 4. *перен.* алоқадор шудан, муносибат доштан, муносибат пайдо кардан; **ему пришлось** ~**ться со многими людьми** вай бо одамони бисьёре муносибат пайдо карда буд

соприкосновени||е *с* 1. ҳамҳудудӣ, ҳамшафат будан(и), ҳамҳудуд будан(и), пайваста будан(и); ~**е двух областей** ҳамҳудуд будани ду вилоят 2. *воен.* ба ҳам наздик расидан(и), тамоман наздик шудан(и); **войти в** ~**е с противником** ба душман тамоман наздик шудан 3. (*общение, связь*) муносибат пайдо кардан(и), алоқадор будан(и), муносибат, алоқа ◇ **у нас с ним нет никаких точек** ~**я** ману вай дар ягон бобат ҳамфикр нестем

соприкоснуться *сов. см.* **соприкасаться**

сопричастность *ж* даҳлдорӣ, шарик будан(и), алоқадорӣ, иштироккунӣ, алоқа (дахл) доштан(и); ~ **к краже** шарик будан дар дуздӣ

сопричастный, -ая, -ое (сопричаст|ен, -на, -но) даҳлдор, алоқадор, иштироккунанда, шарик; **он сопричастен преступлению** вай ба ҷиноят шарик аст

сопричислить *сов. кого-что уст.* ба ҳисоби (ҷумлаи) чизе даровардан, қатӣ кардан, зам кардан

сопричислять *несов. см.* **сопричислить**

сопроводитель *м* ҳамроҳраванда, мушоияткунанда

сопроводительница *женск. к* **сопроводитель**

сопроводительн||ый, -ая, -ое ҳамроҳ фиристода шаванда; ~**ое письмо** мактуби ҳамроҳ фиристода шаванда

сопроводить *сов. см.* **сопровождать**

сопровожда||ть *несов.* 1. *кого-что* ҳамроҳӣ (мушоиат) кардан, ҳамроҳ шуда рафтан, ҳамроҳ будан; **дети** ~**ли учителя** бачагон бо муаллим ҳамроҳ шуда рафтанд 2. *кого-что перен.* бо ҳам будан, ҳамроҳӣ кардан; **наше путешествие** ~**ли сильные ветры** ҳангоми сафари мо бодҳои сахт мевазиданд 3. *что перен.* якҷоя рӯй додан; **дождь** ~**ли гром и молнии** дар вақти боридани борон раъду барқ шуда буд 4. *чем* ҳамроҳ кардан, ҳамроҳ карда фиристодан; ~**ть заявление справкой** аризаро ҳамроҳи справка фиристодан 5. *чем перен.* (*высказать, дополнить*) илова карда баён намудан, қатӣ карда гуфтан; **свою гипотезу он** ~**л убедительными данными** у фарзияи худро бо маълумоти эътимодбахш баён мекард

сопровожда||ться *несов.* 1. ҳамроҳ (якҷоя) рӯй додан; **жара** ~**лась песчаными бурями** дар баробари гармо хокборон ҳам шуда буд 2. *перен.* боис шудан; **грипп часто** ~**ется серьёзными осложнениями** грипп аксар вақт боиси касалиҳои сахт мешавад 3. *страд.* ҳамроҳ карда шудан, ҳамроҳӣ карда шудан, ҳамроҳ фиристода шудан

сопровождающ||ий *прич. и в знач. сущ. м* мушоияткунанда; ~**ие лица** шахсони мушоияткунанда

сопровождени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **сопровождать**) ҳамроҳӣ, мушоиат, мурофиқат; **в** ~**и детей** бо ҳамроҳии бачагон 2. *муз.* ҷӯршавӣ; **пение в** ~**и скрипки** хониш бо ҷӯршавии скрипка

сопромат *м* (сопротивление материалов) *физ., тех. разг.* муқовимати масолеҳ

сопротивлéни||е *с* (*по знач. гл.* **сопротивля́ться**) муқобилат, муқовимат, зиддият; **окáзывать ~е** муқобилат (муқовимат) намудан; **сломи́ть чьё-л. ~е** муқовимати касеро бартараф кардан ◇ **электри́ческое ~е** муқовимати электрик; **~е материáлов** *физ.*, *тех.* муқовимати масолеҳ; *см. тж.* **сопромáт**; **~е среды́** *физ.* муқовимати муҳит; **~е вéтра** муқовимати бод; **идти́ по ли́нии наимéньшего ~я** роҳи осонтар ҷустан, аз душворӣ гурехтан

сопротивляемость *ж* қобилияти муқовимат, муқовимат; **высóкая ~ органи́зма** муқовимати зӯри организм

сопротивля́ться *несов. кому-чему* муқобилат (муқовимат) кардан, муқобилат (зиддият) нишон додан; **~ врагу́** ба душман муқовимат кардан; **~ болéзни** ба беморӣ муқобилат нишон додан

сопрягáть *несов. что* 1. *книжн.* вобаста кардан, пайвастан, алоқаманд кардан; **~ противополóжные интерéсы** манфиатҳои мутақобилро пайвастан 2. *тех.* комапайванд кардан

сопрягáться *несов.* 1. *книжн.* вобаста (пайваста) будан, алоқа доштан, алоқаманд будан 2. *тех.* комапайванд шудан 3. *страд.* вобаста карда шудан, пайваста шудан, алоқаманд карда шудан

сопряжéние *с* 1. (*по знач. гл.* **сопрягáть**) вобастакунӣ, пайвастан(и), алоқаманд кардан(и) 2. *тех.* комапайванд

сопряжённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* вобаста (пайваст, алоқаманд) карда шуда; **рабóта, ~ая с бóльшими трýдностями** кори хеле мушкил 2. *прил.* вобаста, алоқаманд; **~ые тóчки** *физ.* нуқтаҳои вобаста

сопря́чь *сов. см.* **сопрягáть**

сопýтствова||ть *несов.* 1. *кому-чему* ҳамроҳи *касе* будан (шудан), ҳамроҳӣ кардан; **~ть дрýгу в путешéствии** дар сафар ба дӯсти худ ҳамроҳӣ кардан 2. *чему перен.* вобаста (пайваста) будан; **фольклóр ~л истóрии** фольклор бо таърих вобаста буд; **демонстрáции фи́льма ~ла лéкция** дар вақти намоиши кинофильм лекция ҳам шуда буд

сопýтствующ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* ҳамроҳикунанда, вобастабуда 2. *прил.* вобаста, иловагӣ, илҳоқӣ; **~ие обстоя́тельства** шароити вобаста; **~ие компонéнты** (*при добыче руд, нефти, газа*) масолеҳи иловагӣ (*ҳангоми истихроҷи маъдан, нефт, газ*); **~ие товáры** молҳои илҳоқӣ

сор *м* хокруба, хасруба, ахлот, хасу хошок; **вы́мести ~** хокрӯбаро берун баровардан ◇ **вы́нести ~ из избы́** гапи хонаро ба кӯча баровардан

соразмéрить *сов. что* муносиб (мувофиқ, мутаносиб, баробар) кардан; **~ си́лы** кувваҳоро мувофик кардан; **~ расхóды со смéтой** харҷотро бо смета муносиб кардан

соразмéрно 1. *нареч.* муносиб, мувофик, баробар 2. *предлог с дат. и тв.* мувофиқи... , муносиби...; **вы́брать рабóту ~ си́лам (с си́лами)** корро мувофиқи қувваи худ интихоб кардан

соразмéрность *ж книжн.* таносуб, мутаносибӣ, мувофиқат, мутобиқат; **~ частéй здáния** таносуби қисмҳои бино

соразмéрн||ый, -ая, -ое (соразмéр|ен, -на, -но) мувофиқ, муносиб, мутаносиб; **~ые величи́ны** *мат.* бузургиҳои мутаносиб

соразмеря́ть *несов. см.* **соразмéрить**

соразмеря́ться *несов.* 1. мувофиқ (муносиб) будан 2. *страд.* мувофиқ (муносиб, мутаносиб) карда шудан

сорáтник *м* ҳамсаф, ҳамнабард; ҳамкор; **~и по борьбé** ҳамсафони роҳи мубориза

сорáтница *женск. к* **сорáтник**

сорванéц *м разг.* шӯх, баду бало, шум, шайтон

сóрванный, -ая, -ое 1. *прич.* канда 2. *прил.* (*о голосе*) гирифта, хиррӣ

сорвáть *сов.* 1. *что* кандан, канда гирифтан, чидан; **~ цветóк** гулро кандан; **~ зáнавес** пардаро канда гирифтан 2. *что разг.* вайрон (хароб) кардан; **~ заседáние** маҷлисро вайрон кардан; **~ резьбý** рахапечи винтро хӯрда кардан 3. *что на ком-чём разг.* алам гирифтан; **~ зло на кóм-л.** алами худро аз касе гирифтан 4. *перен. разг.* канда гирифтан, зӯракӣ гирифтан, маҷбур карда гирифтан // *прост.* толон (тороҷ, ғорат) кардан ◇ **~ банк** пули қиморро пурра бурдан, банк бурдан (*дар қартабозӣ*); **~ гóлову** калла (сар) кандан; **~ мáску с когó-л.** миси касеро баровардан; **~ покрóв (покрóвы) с когó-чегó-л.** чизеро фош кардан, парда аз рӯи чизе бардоштан; **~ сéрдце на ком-чём-л.** аз касе, чизе алам гирифтан

сорвá||ться *сов.* 1. кандан, канда шудан; **стáвня ~лáсь с пéтель** даричаи тиреза аз ошику маъшуқаш канда шудааст; **собáка ~лáсь с цéпи** саг занҷирашро канд 2. *перен. разг.* якбора аз ҷо ҷастан, дур шудан, наридан; **~ться с мéста** якбора аз ҷо ҷастан 3. афтодан, ғалтидан, афтида рафтан; **~ться с кры́ши** аз бом афтодан; **со скалы́ ~лся кáмень** аз харсанг порае канда афтид 4. *перен. разг.* пӯкидан, нохост баромадан; **с егó губ ~лся крик ýжаса** аз даҳанаш нохост фарьёди даҳшатнок баромадааст 5. хӯрда (суда) шудан; **резьбá ~лáсь** рахапечи винт хӯрда шуд 6. *перен. разг.* нохост вайрон шудан, нашуда мондан; **предполагáемая поéздка ~лáсь** нияти сафар нохост бар бод рафтааст ◇ **~ться с языкá** пӯкидан; **как с цéпи ~лся** мисли саги занҷиргусиста

сорвиголовá *м, ж разг.* шумшук, худсар, бебок, авбош

сорганизовáть *сов. кого-что* ташкил кардан (додан)

сорганизовá||ться *сов.* ташкил шудан (ёфтан); **дéло ~лось** кор ташкил ёфт; **молодёжь ~лась в бригáду** ҷавонон бригада ташкил карданд

сорганизóвывать *несов. см.* **сорганизовáть**

сорганизóвываться *несов.* 1. *см.* **сорганизовáться**; 2. *страд.* ташкил карда шудан

сóрго *с нескл. бот.* чойҷуворӣ

соревновáни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **соревновáться**) мусобиқа (рақобат) кардан(и); **~е двух систéм** мусобиқаи ду система; **социалисти́ческое ~е** мусобиқаи социалистӣ 2. *чаще мн.* **соревновáния** *спорт.* мусобиқа; **~я по волейбóлу** мусобиқаи волейбол; **~я по бéгу** мусобиқаи даводавӣ; **комáндные ~я** мусобиқаи командаҳо

соревн||овáться *несов. с кем* мусобиқа (рақобат) кардан; **~овáться с товáрищем в бéге** бо рафиқи худ дар даводавӣ мусобиқа кардан; **нáши колхóзы ~ýются** колхозҳои мо мусобиқа мекунанд

сори́нка *ж* гард, чанг, хас; **в глáз попáла ~** гарде ба чашм даромада мондааст

сори́ть *несов.* 1. ифлос (пурахлот) кардан; **не ~!** ифлос накуиед! 2. *перен. разг.* беҳуда харҷ кардан, бар бод додан, бо панҷшоха бод додан; **~ деньгáми** исрофкорӣ кардан

сóрн||ый, -ая, -ое 1. ...и хокрӯба, ...и ахлот; **~ая кýча** тӯдаи хокрӯба 2. (*о растениях*) роғӣ, худрӯй, ёбоӣ; **~ые трáвы** алафҳои роғӣ

сорня́к *м* алафи бегона; **борьбá с ~áми** мубориза барои нест кардани алафи бегона

сорóдич *м уст.* 1. (*родственник*) хеш, ҳамқавм, хешованд 2. (*земляк*) ҳамшаҳр(ӣ), ҳамқишлоқ(ӣ)

сóрок *числ.* чил; **~ лет** чил сол; **собралóсь ~ человéк** чил кас ҷамъ шуд ◇ **~ сорокóв** *уст.* мутааддид

сорóка *ж* акка, аккан думдароз, алошақшақа ◇ **~ на хвостé принеслá** гӯшам об бурд; гӯшам садо дод; **залáдила ~ Я́кова** *погов.* як гапро гашта-баргашта мегӯяд

сорока: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «чил»:* **сорокагрáдусный** чилдараҷагӣ; **сорокаднéвный** чилрӯза

сорокагрáдусн||ый, -ая, -ое чилдараҷагӣ; **~ая жарá** гармии чилдараҷагӣ; **~ая вóдка** арақи чилдараҷагӣ

сорокалéтие *с* 1. (*срок*) чилсола, муддати чилсола 2. (*годовщина*) чилсолагӣ

сорокалéтний, -ая, -ее чилсола, ...и чилсолагӣ; **~ мужчи́на** марди чилсола; **~ юбилéй** ҷашни чилсолагӣ

сорокови́ны *тк. мн. обл. см.* **сорочи́ны**

сороков||óй, -áя, -óе *числ.* чилум; **~ы́е гóды 19 вéка** солҳои чилуми асри 19; **~óй нóмер** номери чилум

сороконóжка *ж зоол.* чилпо, хазорпо

сорокопýт *м зоол.* чарғ

сорокоýст *м церк.* чиллахонӣ, чилланишинӣ

сорóч||ий, -ья, -ье ...и акка, ...и аккаи думдароз, ...и алошақшақа; **~ье перó** пари акка

сорочи́ны *тк. мн. уст. разг.* чил, маросими чил

сорóчк||а *ж* курта, пероҳан, куртаи таг; **мужскáя ~а** куртаи мардона

родиться в ~е *шутл.* дар рӯзи нек зонда шудан, хушбахт (батолеъ) будан

сорт *м* навъ, хел, ҷинс; **масло высшего ~а** равғаии навъи аъло; **мука первого ~а** орди навъи якум; **разные ~а пшеницы** навъҳои гуногуни гандум; **вывести новый ~ хлопка** навъи нави пахта парваридан; **редкий ~ яблок** ҷинси камьёби себ ◇ **первый ~** *в знач. сказ.* бехтарин, аъло; **такого ~а люди** аз ин қабил одамои

сортамент *м мет. см.* **сортимент**; **~ проката** анвои прокат

сортимент *м книжн. лес. (совокупность признаков)* анво

сортировальн||ый, -ая, -ое ...и хел-хелкунӣ, ...и хел-хелкунанда, ...и ба навъҳо ҷудокунанда; **~ые машины** мошинҳои хел-хелкунанда

сортирование *с* (*по знач. гл.* **сортировать**) хел-хелкунӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ; **~ зерна** хел-хел кардани ғалладона

сортировать *несов. что* ба хелҳо ҷудо кардан, хел-хел кардан, ба навъҳо ҷудо кардан; **~ семена** тухмиҳоро сара кардан; **~ товар** молро ба навъҳо ҷудо кардан

сортироваться *несов. страд.* хел-хел карда шудан

сортировка *ж* 1. (*по знач. гл.* **сортировать**) хел-хелкунӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, ба хелҳо ҷудокунӣ 2. мошини хел-хелкунанда, мошини ба хелҳо ҷудокунанда; **картофельная ~** мошини картошкаро хел-хелкунанда 3. асбоби хел-хелкунанда

сортировочн||ый, -ая, -ое 1. ...и хел-хелкунӣ, хел-хелкунанда, ба навъҳо ҷудокунанда; **~ая машина** мошини хел-хелкунанда 2. *в знач. сущ.* **сортировочная** *ж* тақсимкунанда *(станцияест дар роҳи оҳан, ки дар он ҷо вагону поездҳо тартиб дода ва ё аз ҳам ҷудо карда мешаванд)* ◇ **горка ~ая** *ж.-д.* тақсимтеппа *(теппачаи махсуси станцияи роҳи оҳан барои васл ва ҷудо кардани вагон ва поездҳо)*

сортировщик *м* 1. хел-хелкунанда, ба навъҳо ҷудокунанда; **~ семян** ба навъҳо ҷудокунандан тухм 2. *ж.-д.* тақсимкунандаи вагонҳо

сортностↄ||ь *ж* 1. навънокӣ; **~ь древесины** навъиокии чӯб; **определение ~и** таъйини навънокӣ 2. навъи олӣ, навъи аъло, аълосифат будан(и)

сортный, -ая, -ое олисифат, хушсифат; **~ товар** моли хушсифат

сортов||ой, -ая, -ое ...и навъи аъло, ...и чинсаш хуб, хушҷинс. хушсифат; **~ые посевы** киштҳои навъи аъло; **~ое зерно** ғаллаи хушсифат; **~ой прокат** *тех.* прокати навъи аъло; **~ой стан** *тех.* дастгоҳи прокати хушсифат

сортоиспытание *с с.-х.* навъсанҷӣ, тухмисанҷӣ

сортоиспытательн||ый, -ая, -ое *с.-х.* ...и навъсанҷӣ, ...и тухмисанҷӣ; **~ая лаборатория** лабораторияи тухмисанҷӣ

сортообновление *с с.-х.* нав кардани ҷинси *чизе*, такмили навъи *чизе*

сортообразование *с с.-х.* бавуҷудоии навъи *чизе*; **~ кукурузы** бавуҷудоии навъи ҷуворимакка

сортоучасток *м с.-х.* участкаи навъпарварӣ

сосальщик *м зоол.* маккаида *(як навъ кирм)*

сосание *с* (*по знач. гл.* **сосать**) макиш, макидан(и)

сосательн||ый, -ая, -ое ...и макиш, ...и макидан; **~ые движения** ҳаракатҳои макиш

сосать *несов.* 1. *что* макидан, макида хурдан; **ребёнок плохо сосёт** кудак нағз намемакад; **ягнёнок сосёт матку** барра мешро мемакад; **~ сахар** қандро макида хурдан 2. *прост. (вымогать)* ба ноҳақ ситондан 3. *кого-что перен. разг.* азоб додан, алам кардан, реш-реш кардан; **горе сосёт сердце** ғам дилро реш-реш мекунад 4. *безл. без доп. перен. разг. (о ноющей боли)* сим-сим дард мекунад (кард); **у меня сосёт под ложечкой** мехроби дилам сим-сим дард мекунад ◇ **~ чью-л. кровь** хуни касеро хурдан, хунхурӣ кардан, касеро азоб додан; **червь сосёт** *кого* дилашро гургхо тала мекунанд

сосаться *несов. страд.* макида шудан

сосватать *сов. кого* хостгорӣ (миёнаравӣ, завҷигӣ) карда номзад кардан; **~ невесту** арусро хостгорӣ карда номзад кардан

сосед *м* ҳамсоя, ҳамҷавор; **~ по квартире** ҳамсояи хона; **наши южные ~и — Иран и Афганистан** ҳамсоягони ҷанубии мо Эрон ва Афғонистон

соседить *несов. с кем-чем* ҳамсоягӣ кардан, ҳамсоя будан

соседка *ж* ҳамсоязан, ҳамсоядухтар

соседн||ий, -яя, -ее ҳамсоя, ҳамҷавор; **~яя квартира** хонаи ҳамсоя; **~ий колхоз** колхози ҳамсоя; **~не страны** мамлакатҳои ҳамсоя

соседск||ий, -ая, -ое *разг.* ...и ҳамсоя, ...и ҳамсоягӣ; **~ие отношения** муносибати ҳамсоягӣ

соседств||о *с* ҳамсоягӣ, ҳамсоя будан(и); **по ~у с кем-л.** дар ҳамсоягии касе; **жить по ~у с кем-л.** дар ҳамсоягии касе истиқомат кардан; **приятное ~о** ҳамсоягии хуш; **в близком ~е с чем-л.** наздик ҳамсоя будаи бо чизе

сосенк||а *ж уменьш. к* **сосна**; ниҳоли санавбар; **с бору да с ~и** *погов.* ≈ аз хар палак як ҳандалак

сосиска *ж* ҳасибча

соска *ж* эмизак, пистонак, маккак

соскабливать *несов. см.* **соскоблить**

соскабливаться *несов.* 1. *см.* **соскоблиться**; 2. *страд.* тарошида (зудуда) шудан

соскакивание *с* (*по знач. гл.* **соскочить** 1) ҷаҳида (ҷаста) хестан(и)

соскакивать *несов. см.* **соскочить**

соскальзывание *с* (*по знач. гл.* **соскользнуть**) ғеҷиш, ғеҷидафуроӣ, ғеҷидабароӣ, ғеҷидан(и)

соскальзывать *несов. см.* **соскользнуть**

соскоблить *сов. что* тарошидан, зудудан; **~ краску с подоконника** ранги пештахтаи тирезаро тарошидан

соскобли||ться *сов.* тарошида (зудуда) шудан, рехтан; **позолота ~лась** зарҳал(аш) зудуда шудааст

соскок *м спорт.* ҷаҳида фуромадан(и)

соскользну||ть *сов.* 1. ғеҷида фуромадан, ғеҷидан; **~ть по шесту на землю** аз рӯи хода ғеҷида ба замин фуромадан 2. ғеҷида баромадан; **трамвай ~л с рельсов** трамвай аз рельс ғеҷида баромад

соскочи||ть *сов.* 1. ҷаста фуромадан, ҷаҳида фуромадан; **~ть с автобуса** аз автобус ҷаҳида фуромадан 2. аз ҷояш баромадан, ҷудо шудан; **рама ~ла с петель** чорчӯбаи тиреза аз ошику маъшукаш ҷудо шудааст 3. *перен. разг.* парида рафтан; паридан, барҳам хурдан; **усталость мгновенно ~ла** хастаҳолӣ якбора барҳам хӯрд

соскребать *несов. см.* **соскрести**

соскребаться *страд.* тарошида шудан

соскрести *сов. что* тарошидан; зудудан; **~ лёд с тротуаров** яхи пайраҳаҳоро тоза кардан

соскучиться *сов. по кому-чему, по ком-чём, о ком-чём* ёд кардан, пазмон шудан; **~ в разлуке** дар ҷудоӣ пазмон шудан; **~ по близким** наздиконро ёд каранд; **~ по театру** театрро ёд кардан

сослагательн||ый, -ая, -ое: **~ое наклонение** *грам.* сиғаи шартӣ

сосланный *прич. и в знач. сущ.* **сосланный** *м и* **сосланная** *ж* бадарғашуда

сослать *сов. кого* бадарға кардан

сослаться *сов. на кого-что* истинод кардан, далел овардан, такья кардан, ҳавола кардан; **~ на источник** ба маъхаз истинод кардан; **~ на слова товарища** ба гуфтаи рафиқи худ ҳавола кардан; **~ на приказ** ба фармон такья кардан

сослепа, сослепу *нареч.* аз хирагни чашм; бниобар кӯр будан, ба сабаби курӣ; **~ не разглядеть** бинобар хирагии чашм нашинохтан

сословие *с* 1. *уст.* табақа; **дворянское ~** табақаи дворянҳо; **духовное ~** табақаи руҳониён; **купеческое ~** табақаи тоҷирон; **мещанское ~** табақаи мещанҳо; **третье ~** *ист.* омиҳо, фукаро 2. *(корпорация)* ҷамъият 3. *разг. шутл.* тоифа; **актёрское ~** тоифаи актёрҳо

сословность *ж ист.* табақа-табақа будан(и), ба табақаҳо тақсим шудани ҷамъият

сословн||ый, -ая, -ое табақагӣ, табақотӣ, ...и табақа, ...и табақот; **~ая монархия** *ист.* мутлақияти табақот *(шакли давлати феодалӣ, ки дар он ҳокимияти подшоҳӣ ба намояндагони табақаи дворянинҳо, руҳониён ва аҳли шаҳр такья мекард)*; **~ое неравенство** нобаробарии ҳуқуқи табақаҳои ҷамъият; **~ые предрассудки** таассуби табақот

сослуживец *м* ҳамкор, ҳамхизмат

сослуживица *женск. к* **сослуживец**

сослужить *сов.*: **~ службу** *кому разг.* хизмат кардан

сосна́ *ж* санавбар ◇ **заблуди́ться в трёх со́снах** гаранг шуда мондан, сари калоба гум кардан

сосно́в||ый, -ая, -ое 1. ...и санавбар; **~ый бор** санавбарзор: **~ая смола** қатрони санавбар; **~ые дрова́** хезуми санавбар 2. *в знач. сущ.* **сосно́вые** *мн. бот.* санавбарихо **~ая со́вка** *зоол.* чубхурак *(як навъ шабпарак, ки ба дарахти коҷ зарар мерасонад)*

сосн||у́ть *сов. разг.* андаке хобидан, ғанаб кардан; **~и́ полча́сика** ним соатакак ғанаб кун

сосня́к *м* 1. *(лес)* санавбарзор 2. *(брёвна)* ғулаи санавбар

сосо́к *м* сари (нуги) пистон

сосо́чек *м* 1. *уменьш. к* **сосо́к**; 2. *анат.* кунокак

сосредото́чение *с* (*по знач. гл.* **сосредото́чить)** ҷамъ кардан(и), ҷалб кардан(и), ғун кардан(и), туда кардан(и); (*по знач. гл.* **сосредото́читься)** ҷамъшавӣ, ғуншавӣ, тудашавӣ; **~ внима́ния** ҷалб кардани диққат; **~ во́йск** ғуншавии қушун

сосредото́ченно *нареч.* бо диққат, бо диққати том; **~ слу́шать** бо диққат гуш кардан

сосредото́ченность *ж* диққат, диққати том, бодиққатӣ; **~ мы́сли** ба як нуқта нигаронда шудани фикр

сосредото́чени||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷамъ (ғун, якҷоя, туда) кардашуда 2. *прил.* (сосредото́чен, -а, -о) бодиққат, ҷиддӣ, якҷоя; **~ое внима́ние** диққати ҷиддӣ; **~ое выраже́ние лица́** қиёфаи ҷиддӣ

сосредото́чивать *несов. см.* **сосредото́чить**

сосредото́чиваться *несов.* 1. *см.* **сосредото́читься**; 2. *страд.* ҷамъ (ғун, якҷоя, туда) карда шудан; нигаронида шудан, дода шудан

сосредото́чие *с* 1. *уст. воен.* ҷамъшавӣ, ғуншавӣ, тудашавӣ; ҷамъ (ғун, туда) шудан(и) 2. *книжн.* марказ, ҷои асосӣ

сосредото́чи||ть *сов.* 1. *кого-что* ҷамъ (ғун, туда, якҷоя) кардан; **~ть батаре́и на берегу́ реки́** батареяхоро дар соҳили дарьё ҷамъ кардан 2. *что перен.* ҷалб (ҷамъ) кардан; **~ть си́лы** қуввахоро ҷамъ кардан; **~ть мы́сли** фикрро ҷалб кардан 3. *что на ком-чём* нигаронидан, додан; **она́ ~ла свою́ любо́вь на сы́не** вай меҳри худро ба писараш бастааст

сосредото́чи||ться *сов.* 1. ҷамъ (ғун, якҷоя, туда) шудан; **войска́ ~лись на грани́це** қушун дар сарҳад ҷамъ шуд 2. мавриди диққат қарор додан; **всё его́ внима́ние ~лось на заня́тиях му́зыкой** мусиқӣ мавриди диққаташ қарор ёфта буд 3. тамоми диққати худро ба чизе додан, фикру хаёли худро гирду ғун кардан, фикри худро ҷамъ (ғун) кардан; **у́личный шум меша́л ему́ ~ться** ғалоғулаи куча намемонд, ки фикри худро гирду ғун кунад

соста́в *м* 1. ҳайат; **кла́ссовый ~ о́бщества** ҳайати синфии ҷамъият; **социа́льный ~** ҳайати иҷтимоӣ; **ли́чный ~ учрежде́ния** ҳайати идора, коркунони идора; **кома́ндный ~** ҳайати командирон; **войти́ в ~ делега́ции** ба ҳайати вакилон дохил шудан 2. таркиб; **хими́ческий ~** таркиби химиявӣ; **входи́ть в ~ чего́-л.** ба таркиби чизе дохил шудан 3. *ж.-д.* поезд; **подвижно́й ~** поездҳо, паровозу вагонҳо ◇ **~ преступле́ния** *юр.* намуди ҷиноят; **в ~е** иборат аз; **гру́ппа тури́стов в ~е десяти́ челове́к** гурухи туристон иборат аз даҳ кас

состави́тел||ь *м* 1. мураттиб, муаллиф; **~и словаря́** мураттибони луғат 2. *ж.-д.* тартибдиҳанда; **~ь поездо́в** тартибдиҳандаи поездҳо

состави́тельница *женск. к* **состави́тель** 1

состави́тельский, -ая, -ое ...и мураттиб, ...и муаллиф

соста́в||ить *сов. что* 1. гузоштан, мондан, чидан, паҳлу ба паҳлу гузоштан; **~ить сту́лья в ряды́** курсиҳоро қатор-қатор гузоштан 2. таркиб кардан; **~ить духи́** атр таркиб кардан 3. ташкил кардан (додан); **~ить танцева́льную гру́ппу** дастаи раққосон ташкил додан 4. тартиб додан, таълиф кардан; **~ить колле́кцию** коллекция тартиб додан; **он ~ил хоро́шую библиоте́ку** вай китобҳои хубе ҷамъ кард; **~ить уче́бник** китоби дарсӣ таълиф кардан 5. *перен.* пайдо кардан, ҳосил кардан; **~ить себе́ представле́ние** *о чём-л.* тасаввуроте пайдо кардан 6. ташкил додан, шудан; **расхо́ды ~ят не бо́лее ста рубле́й** харочот аз сад сум зиёд намешавад 7. овардан, талаб кардан; **э́то ие ~ит большо́го труда́** ин кор меҳнати калоиеро талаб намекунад 8. *со сл.* «*себе*» баровардан, пайдо кардан; **~ить себе́ и́мя** ном баровардан; **он ~ил себе́ сла́ву** вай шуҳрат пайдо кард 9. *кого-что* поён фуровардан, фуроварда гузоштан; **~ить чемода́ны на́ пол** ҷомадонҳоро ба руи пол фуроварда гузоштан

соста́ви||ться *сов.* 1. таркиб ёфтан 2. ташкил ёфтан (шудан), пайдо шудан; **~лся хоро́ший хор** дастаи хуби хор ташкил шуд 3. ҷамъ (ғун) шудан; **у него́ ~лась небольша́я библиоте́чка** дар вай андак китоб ҷамъ шуд 4. пайдо (ҳосил) шудан; **~лось я́сное представле́ние о чём-л.** тасаввуроти равшане пайдо шуд

составле́ние *с* (*по знач. гл.* **соста́вить** 1—5) ташкилдиҳӣ, ташкилкунӣ, таркибкунӣ; тартибдиҳӣ, таълифкунӣ, тартиб додан(и); **~ пла́на** планкашӣ; **~ протоко́ла** қарорнависӣ; **~ уче́бника** таълифи китоби дарсӣ; **~ уравне́ния** тартиб додани муодила; **~ словаря́** тартибдиҳии луғат

составля́ть *несов. см.* **соста́вить**

составля́ться I *несов.* 1. *см.* **соста́виться**; 2. *страд.* ташкил карда шудан; тартиб дода шудан, таълиф карда шудан

составля́ться II *несов. страд.* гузошта шудан, паҳлу ба паҳлу монда шудан, ниҳода шудан

составн||о́й, -ая, -о́е 1. мураккаб, таркибӣ; **~о́е колесо́** чархи мураккаб 2. таркибӣ; **~ы́е элеме́нты** унсурҳои таркибӣ; **~а́я часть чего́-л.** қисми таркибии чизе

состари||ть *сов. кого-что* пир кардан; **го́ды его не ~ли** мурури айём уро пир накард

соста́ри||ться *сов.* пир шудан; **он о́чень ~лся** вай хеле пир шудааст

состоя́ни||е *с* 1. вазъият, ҳолат, ҳол, аҳвол; **~е бюдже́та** вазъияти буҷет; **~е пого́ды** вазъияти обу ҳаво; **газообра́зное ~е** ҳолати газмонанд; **быть в хоро́шем ~и** нағз будан, бе осеб будан; **прийти́ в него́дное ~е** хароб (вайрон) шудан 2. ҳол, ҳолат, аҳвол; **о́бморочное ~е** беҳушӣ; **~е больно́го** аҳволи бемор; **хоро́шее ~е ду́ха** хушҳолӣ, димоғчоқӣ; **плохо́е (дурно́е) ~е ду́ха** димоғи сухта 3. кайфият; **бо́дрое ~е** бардамӣ; **быть в ~и восто́рга** бо завқу шавқ будан, ба ваҷд омадан 4. мулк, молу мулк, давлат; **соста́вить себе́ ~** молу мулк кардан; **кру́гленькое (кру́глое) ~е** молу мулки бисьёр, сарвати дурустакак 5. *уст. (звание, социальное положение)* унвон, мартаба ◇ **быть в ~и** *с неопр.* тавонистан, қобил будан; **я не в ~и э́того сде́лать** ман аз уҳдаи ин кор намебароям

состоя́тельность *ж* 1. давлатмандӣ, бодавлатӣ 2. дурустӣ, асоснокӣ, ҷонноқӣ; **~ аргуме́нтов** асоснокии далелҳо

состоя́тельн||ый, -ая, -ое (состояте|лен, -льна, -льно) 1. давлатманд, бодавлат, мулкдор, бой, пулдор; **~ый челове́к** одами давлатманд 2. асоснок, дуруст; **~ое доказа́тельство** далели асоснок

состо||я́ть *несов.* 1. *из кого-чего* иборат будан; **коми́ссия ~и́т из пяти́ челове́к** комиссия аз панҷ кас иборат аст 2. *в чём* иборат будан; будан; **в чём ~и́т его оши́бка?** хатояш аз чӣ иборат? 3. *кем* будан, истодан; **~я́ть в профсою́зе** аъзои иттифоқи касаба будан; **он ~и́т в нау́чном о́бществе** вай аъзои ҷамъияти илмӣ мебошад 4. *офиц.* будан; **~я́ть на иждиве́нии** хуранда будан; **~я́ть в перепи́ске** мукотиба доштан ◇ **~я́ть в зако́не** *уст. прост.* ба ақди никоҳ даромада зистан

состо||я́ться *сов.* шудан, ба вуқуъ омадан; **конце́рт не ~и́тся** концерт намешавад

состра́гивать *несов. см.* **сострога́ть**

сострада́ни||е *с* дилсузӣ, раҳм, ғамхорӣ, тараҳҳум; **вызыва́ть ~е** раҳм овардан; **испы́тывать ~е** дилсузӣ кардан; **сде́лать что́-л. из ~я** чизеро аз руи дилсузӣ кардан

сострада́тельный, -ая, -ое (сострада́те|лен, -льна, -льно) дилсуз(она), ғамхор(она), мушфиқ

сострига́ть *несов. см.* **состри́чь**

состри́ть *сов.* аския (латифа) гуфтан

состри́чь *сов. что разг.* тарошидан, гирифтан, гирондан; **~ усы́** бурутро тарошидан

сострога́ть *сов. что* тарошидан

состро́ить *сов.*: **~ ро́жу** лабу руйро бурма кардан

состряпать *сов. к* **стряпать**

состыковать *сов.* куш кардан; қирон кардан; пайвастан

состязание *с* 1. зурозмоӣ; ~ **в остроумии** аскиябозӣ, аскиягуӣ 2. *спорт.* мусобиқа; ~ **в беге** мусобиқаи давидан; **волейбольное** ~ мусобиқаи волейбол 3. *уст. (спор)* мубоҳиса, мунозира, мушоира

состяза||ться *несов. с кем, в чём* 1. зурозмоӣ кардан; **они** ~**лись в остроумии** онҳо аскиягуӣ карданд 2. *спорт.* мусобиқа кардан; ~**ться в прыжках** дар ҷаҳиш мусобиқа кардан

сосуд *м* 1. зарф, ҷоғаҳ; ~ **для вина** зарфи шароб; **сообщающиеся** ~**ы** *физ.* зарфҳои пайваста 2. *анат.* раг; **кровеносные** ~**ы** рагҳои хунгард 3. *бот.* раг; ~**ы в древесине** раги чуб ~ **скудельный** *уст. книжн.* махлуқи фонӣ

сосудист||ый, -ая, -ое *анат., бот.* рагдор; ~**ая оболочка мозга** пардаи рагдори мағз; ~**ое растение** растании рагдор

сосудорасширяющ||ий, -ая, -ее рагвасеъкунанда; ~**ие средства** воситаҳои рагвасеъкунанда

сосудосуживающ||ий, -ая, -ее рагтангкунонда; ~**ие средства** воситаҳои рагтангкунанда

сосульк||а *ж* шуша; **с крыши свисают ледяные** ~**и** аз бом шушаҳо овезонанд

сосун *м* ширмак; **жеребёнок-сосун** тойчаи ширмак // *разг. (младенец)* кудаки ширмак

сосунок *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **сосун**; 2. *перен. прост. презр.* ҷавони хом, шири хомхурда

сосуществование *с* ҳамзистӣ, бо ҳам зиндагоникунӣ, дар як ҷо бо ҳам мавҷуд будан(и); **мирное** ~ ҳамзистии осоишта; ~ **двух социальных систем** ҳамзистии ду системаи иҷтимоӣ

сосуществовать *несов.* бо ҳам зистан, бо ҳам зиндагонӣ кардан, дар як ҷо бо ҳам мавҷуд будан

сосущ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* маканда, ширмак 2. *прил. биол.* маканда; ~**ие инфузории** инфузорияҳои маканда

сосцевидный, -ая, -ое *анат.* пистонмонанд

сосчитать *сов. кого-что* шумурдан, ҳисоб кардан; ~ **сдачу** бақияи пулро шумурдан ◇ **по пальцам можно** ~ чизи башумур, ангуштшумур

сосчитаться *сов. с кем-чем разг.* 1. ҳисобро баробар кардан 2. *перен.* қасос (интиқом) гирифтан

сосчитывать *несов. см.* **сосчитать**

сосчитываться *несов.* 1. *см.* **сосчитаться**; 2. *страд.* шумурда шудан, ҳисоб карда шудан

сотворени||е *с (по знач. гл.* **сотворить**) офариниш, хилқат, эҷод; **миф о** ~**и мира** асотири хилқати олам; **от** ~**я мира** *перен.* аз қадим, аз рузи азал

сотворить *сов. кого-что* офаридан, халқ кардан, эҷод кардан; ~ **доброе дело** кори нек (савоб) кардан

сотейник *м* тобаи чуқур

сотенная *ж прост.* садсума, пули садсума

сотка *ж с.-х. разг.* садьяки гектар

сотка||ть *сов. что* бофтан, танидан; ~**ть много полотна** катони зиёд бофтан; **паук** ~**л паутину** тортанак тор танидааст

сотник *м ист.* юзбошӣ

сотн||я *ж* 1. сад, саддона, садто, садта; ~**я книг** садта китоб 2. *разг.* сад сум, коғази садсума, садтагӣ 3. *чаще мн.* **сотни** садҳо; ~**и фруктовых деревьев** садҳо дарахтони мевадор 4. *ист. воен.* сада, дастаи саднафараи кушун; **командир** ~**и** юзбошӣ

сотоварищ *м* ҳамкор, шарик, рафиқ

сотоварищество *с* ҳамкорӣ, шарокат, шарики, рафоқат

сотовый, -ая, -ое ...и канду; ~ **мёд** асали канду

сотрапезник *м уст.* ҳамтабақ

сотрудник *м* 1. коркун, ҳамкор, ёрдамчӣ 2. хизматчӣ, коркун, ходим; ~**и издательства** ходимони нашриёт; **общее собрание** ~**ов** маҷлиси умумии коркунон; ~ **газеты** ходими газета ◇ **младший научный** ~ ходими хурди илмӣ; **старший научный** ~ ходими калони илмӣ

сотрудница *женск. к* **сотрудник**

сотруднича||ть *несов.* 1. *с кем* бо ҳам кор кардан, хизмат кардан; **мы** ~**ли несколько лет** мо бо ҳам чандин сол кор кардем 2. *в чём* иштирок кардан; ~**ть в газете** дар кори газета иштирок кардан

сотрудничеств||о *с* 1. бо ҳам коркунӣ, ҳамкорӣ; **метод** ~**а** усули ҳамкорӣ; **область** ~**а** соҳаи ҳамкорӣ; **условия** ~**а** шароити ҳамкорӣ; **формы** ~**а** шаклҳои ҳамкорӣ; **братское** ~**о наций и народностей** ҳамкории бародаронаи миллатҳо ва халқҳо; **международное** ~**о** ҳамкории байналхалқӣ; **плодотворное** ~**о учёных** ҳамкории самарабахши олимон; **промышленное** ~**о** ҳамкории саноатӣ 2. *(в газете и т. п.)* коркунӣ, иштироккунӣ

сотряса||ть *несов. что* ҷунбондан, ба ҷунбиш андохтан, ларзондан, ба ларза андохтан; **крики «ура!»** ~**ли воздух** нидоҳои «ура!» ҳаворо ба ларза меандохтанд

сотряса||ться *несов.* ҷунбидан, ба ҷунбиш омадан, ларзидан, ба ларза омадан; **земля** ~**лась от взрывов** замин аз таркишҳо ба ҷунбиш меомад; **воздух** ~**лся от залпов орудий** аз шилликҳои туп ҳаво ба ларза меомад

сотрясение *с (по знач. гл.* **сотрясать** *и* **сотрясаться**) ларзиш, ҷунбиш, ларза; ~ **воздуха** ларзиши ҳаво ◇ ~ **мозга** *мед.* зарб хурдани майна

сотрясти *сов. см.* **сотрясать**

сотрястись *сов. см.* **сотрясаться**

сотский *м* оқсақол (1. *дар Россияи тореволюционӣ — поёнтарин мансабдори полицияи қишлоқ* 2. *дар Руси асрҳои 12—17 — оқсақоли сада)*

соты *мн. (ед.* **сот** *м)* канду, орухона, шона, шонаи асал; **вырезать** ~ шонаи кандуро бурида ҷудо кардан

сот||ый, -ая, -ое садум; ~**ая доля** садьяк; ~**ый раз** садум бор; ~**ая страница** саҳифаи садум

соумышленник *м книжн. см.* **соучастник**

соус *м* қайла; **рыба под томатным** ~**ом** моҳии қайладор ◇ **ни под каким** ~**ом** ҳаргиз, ба ҳеҷ ваҷҳ; **под** ~**ом** *каким* бо роҳи ... , бо баҳонаи ...

соусник *м* қайладон

соучаствовать *сов. в чём (обычно в плохом)* шарик будан *(дар бадаъмолӣ)*

соучастие *с (по знач. гл.* **соучаствовать**) иштирок, шарики, ширкат *(дар бадаъмолӣ)*; ~ **в краже** дар дуздӣ шарикӣ кардан

соучастник *м* шарик; ~ **преступления** шарики ҷиноят

соучастница *женск. к* **соучастник**

соученик *м* ҳамдарс, шарикдарс, ҳаммактаб, ҳамсабақ

соученица *женск. к* **соученик**

софа *ж* софа *(девони пасти васеъ)*

софизм *м лог. книжн.* софизм *(мулоҳизае, ки дар тафсири дуҳураи мафҳумҳо асос ёфта зоҳиран дуруст менамояд, аммо дар ҳақиқат беасос ва ботил аст)*

софист *м* софист (1. *ист. муаллими пулакии фалсафа, сиёсат, математика ва ғ. дар Юнони Қадим* 2. *пайрави софизм)*

софистика *ж* софистика, муғолата (1. *ба тарзи софизм мулоҳизакунӣ; найрангҳои забонии гумроҳкунанда* 2. *ист. таълими софистон)*

софистическ||ий, -ая, -ое софисти, софистона; ~**ие рассуждения** мулоҳизаҳои софистӣ

софит *м театр.* софит *(қатори чароғҳои болои саҳна)*

соха *ж* 1. *уст.* омоч (амоч), поза, сипор 2. *ист. (мера земли)* соха *(ченаки замин)* 3. *обл. (жердь, столб)* ҳачча, тиргак

сохатый, -ая, -ое 1. душоха 2. шохдор, шохкалон 3. *в знач. сущ. м* гавазни ҷангалӣ

сохн||уть *несов.* 1. хушк (қоқ) шудан, хушкидан; **бельё хорошо** ~**ет** ҷомашуӣ нағз хушк мешавад; **кожа** ~**ет от ветра** пусти бадан аз таъсири бод қоқ мешавад 2. пажмурдан, пажмурда (хушк, қоқ) шудан; **цветы** ~**ут** гулҳо пажмурда мешаванд 3. *перен. разг.* хароб (обу адо) шудан, харобу лоғар шудан; ~**уть от тоски** аз ғусса обу адо шудан

сохранени||е *с (по знач. гл.* **сохранить**) нигоҳдорӣ, муҳофизат; *(по знач. гл.* **сохраниться** 1, 2) нигоҳдошташавӣ; тағйирнаёбӣ; ~**е исторических памятников** муҳофизати ёдгориҳои таърихӣ; ~**е мира** муҳофизати сулҳ; ~**е тайны** нигоҳдории сир; ~**е в чистоте воздуха и воды** тоза нигоҳ доштани ҳаво ва об; **закон** ~**я энергии** қонуни бақои энергия; **отпуск с** ~**ем содержания** отпуски пулакӣ

сохранить *сов.* 1. *кого-что* нигоҳ доштан, муҳофизат (эҳтиёт) кардан; ~ **вещи от моли** чизҳоро аз митта эҳтиёт кардан; ~ **чужие книги** китобҳои ди-

гаронро нигоҳ доштан; ~ **ребёнка от просту́ды** бачаро аз шамолхурӣ эҳтиёт кардан; ~ **порядок** тартиботро муҳофизат кардан; ~ **национа́льную незави́симость** истиқлоли миллиро муҳофизат кардан (аз даст надодан); ~ **здоро́вье** саломатиро нигоҳ доштан; ~ **хоро́шую репута́цию** обруи некро нигоҳ доштан 2. *что* мондан, нигоҳ доштан; ~ **ста́рое расписа́ние** ҷадвали пештараро мондан (нигоҳ доштан) 3. *перен. что* риоя кардан, нигоҳ доштан, вайрон накардан; ~ **ве́рность** вафо кардан, бовафо будан ◇ **сохрани́ бог** худо нигоҳ дорад

сохрани́||ться *сов.* 1. нигоҳ дошта шудан, маҳфуз (боқи) мондан; **карти́на хорошо́** ~**лась** расм нағз маҳфуз мондааст; **я́блоки хорошо́** ~**лись** себҳо ҳеҷ вайрон нашуданд; **у меня́** ~**лись его́ пи́сьма** мактубҳои у дар дасти ман боқӣ мондаанд; **у него́** ~**лись все зу́бы** тамоми дандонҳояш маҳфуз мондаанд 2. тағйир наёфтан, бетағйир мондан; **програ́мма** ~**лась с про́шлого го́да** программа аз порсол бе тағйир мондааст 3. пир нашудан; **она́ хорошо́** ~**лась** вай ҳеҷ пир нашудааст

сохра́ннос||ть *ж* 1. таъмини амният; ~**ть вкла́дов в сберкассах** таъмини амнияти пасандозҳо дар кассаҳои амонатӣ 2. сиҳату саломат мондан(и), бе осеб нигоҳ дошта шудан(и); ~**ть ру́кописей** бе осеб нигоҳ дошта шудани дастнависҳо ◇ **в це́лости и** ~**ти** сиҳату саломат

сохра́нн||ый, -ая, -ое (сохран|ен, -на, -но) 1. *уст.* ҳифзталаб, муҳофизатшаванда, ҳимоятпазир; амонатӣ; ~**ое иму́щество** амволи амонатӣ 2. бехавф, бехатар, амн; **положи́ть в** ~**ое ме́сто** дар ҷои бехатар гузоштан 3. *уст.* ...и замонат; ~**ая распи́ска** замонатнома

сохраня́ть *несов.* 1. *см.* **сохрани́ть**; 2. *разг.* гузоштан, мондан, ҷой кардан

сохраня́ться *несов.* 1. *см.* **сохрани́ться**; 2. *страд.* нигоҳ дошта шудан, муҳофиза (риоя) карда шудан; гузошта (монда) шудан

соц= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «социалистӣ»:* **соцсоревнова́ние** мусобиқаи социалистӣ; **соцобяза́тельство** уҳдадории социалистӣ

соцве́тие *с бот.* тудагул, хӯшагул, хушаи гул; ~ **василька́** хӯшаи гули бута; **просто́е** ~ хӯшагули оддӣ; **сло́жное** ~ хушагули мураккаб

соцдо́говор *м* шартномаи мусобиқаи социалистӣ

социа́л-демокра́т *м полит.* социал-демократ

социа́л-демократи́зм *м полит.* социал-демократизм

социа́л-демократи́ческий, -ая, -ое *полит.* ...и социал-демократия, социал-демократӣ

социа́л-демокра́тия *ж полит.* социал-демократия *(номи умумии партияҳои социалистӣ, ки дар охири асри 19 ба вуҷуд омадаанд)*

социализа́ция *ж эк., полит.* социализация

социализи́ровать *сов., несов. что эк., полит.* социализация кардан; ~ **промы́шленность** саноатро социализация кардан

социализи́роваться *эк., полит.* 1. *сов., несов.* социализация шудан 2. *несов. страд.* социализация карда шудан

социали́зм *м* социализм; **завоева́ния** ~**а** музаффариятҳои социализм; **мирова́я систе́ма** ~**а** системаи ҷаҳонии социализм; **нау́чный** ~ социализми илмӣ; **поворо́т челове́чества от капитали́зма к** ~**у** гардиши башарият аз капитализм ба социализм; **развито́й** ~ социализми мутараққӣ; **си́ла** ~**а** иқтидори социализм; **стра́ны** ~**а** мамлакатҳои социализм; **строи́тельство** ~**а** сохтмони социализм

социали́ст *м* социалист (1. *тарафдори социализм* 2. *аъзои партияи социалистӣ*)

социалисти́ческ||ий, -ая, -ое социалистӣ, ...и социализм; ~**ое госуда́рство** давлати социалистӣ; ~**ая демокра́тия** демократияи социалистӣ; ~**ий о́браз жи́зни** тарзи ҳаёти социалистӣ; ~**ая револю́ция** революцияи социалистӣ; ~**ая систе́ма хозя́йства** системаи социалистии хоҷагӣ; ~**ая со́бственность** моликияти социалистӣ; ~**ий реали́зм** реализми социалистӣ; **защи́та** ~**их завоева́ний** муҳофизати музаффариятҳои социалистӣ ◇ **Геро́й Социалисти́ческого Труда́** Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ

социали́стка *женск. к* **социали́ст**

социа́льно *нареч.* аз ҷиҳати иҷтимоӣ, аз нуқтаи назари ҷамъият; ~ **чу́ждый элеме́нт** унсури аз ҷиҳати иҷтимоӣ бегона

социа́льно-бытов||о́й, -ая, -о́е иҷтимоии маишӣ; ~**ы́е усло́вия** шароити иҷтимоии маишӣ

социа́льно-культу́рн||ый, -ая, -ое иҷтимоии маданӣ; ~**ый вопро́с** масъалаи иҷтимоии маданӣ; ~**ые мероприя́тия** тадбирҳои иҷтимоии маданӣ; ~**ое строи́тельство** сохтмони иҷтимоии маданӣ

социа́льно-опа́сный, -ая, -ое барои ҷамъият хавфнок, аз ҷиҳатӣ иҷтимоӣ хавфнок; ~ **престу́пник** ҷинояткори барои ҷамъият хавфнок

социа́льно-полити́ческ||ий, -ая, -ое иҷтимоӣ-сиёсӣ; ~**ая литерату́ра** адабиёти иҷтимоӣ-сиёсӣ

социа́льно-экономи́ческ||ий, -ая, -ое иҷтимоию иқтисодӣ; ~**ие завоева́ния социали́зма** музаффариятҳои иҷтимоию иқтисодии социализм; ~**ое** [**и культу́рное**] **разви́тие** инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ [ва маданӣ]; ~**ие нау́ки** фанҳои иҷтимоию иқтисодӣ; ~**ая поли́тика** сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ; ~**ий прогре́сс** пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ; ~**ие явле́ния** падидаҳои иҷтимоию иқтисодӣ

социа́льн||ый, -ая, -ое иҷтимоӣ, социалӣ; ~**ое обеспе́чение** таъминоти социалӣ; ~**ое положе́ние** аҳволи иҷтимоӣ; ~**ые преобразова́ния** дигаргуниҳои иҷтимоӣ; ~**ый прогре́сс** пешрафти иҷтимоӣ; ~**ое происхожде́ние** баромади иҷтимоӣ; ~**ые противоре́чия** зиддиятҳои социалӣ; ~**ое разви́тие** инкишофи иҷтимоӣ; ~**ая среда́** муҳити иҷтимоӣ; ~**ое страхова́ние** суғуртаи социалӣ; ~**ая структу́ра о́бщества** сохти иҷтимоии ҷамъият

социо́лог *м* социолог, мутахассиси социология

социологи́ческ||ий, -ая, -ое социологи, ...и социология; ~**ие иссле́дования** тадқиқоти социологӣ; ~**ая лингви́стика** забоншиносии социологӣ; ~**ий ме́тод** методи социологӣ; ~**ая публици́стика** публицистикаи социологӣ

социоло́гия *ж* социология *(илмест дар бораи ҷамъият ва қонунҳои инкишофи он)*

соцобяза́тельство *с* уҳдадории социалистӣ

соцсоревнова́ние *с* мусобиқаи социалистӣ

соцстрана́ *ж разг.* мамлакати социалистӣ

соцстра́х *м* (социа́льное страхова́ние) суғуртаи социалӣ

соче́льник *м уст. церк.* арафа *(арафаи идҳои динии таваллуди Исо ва ғусли таъмид)*

сочета́емость *ж* пайвастшавандагӣ, дараҷаи вобастагӣ, тавъамият

сочета́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **сочета́ть**) якҷоякунӣ, вобастакунӣ, пайвастакунӣ, тавъамкунӣ; (*по знач. гл.* **сочета́ться** 1, 2) якҷояшавӣ, вобасташавӣ, пайвастшавӣ, тавъамшавӣ; ~**е тео́рии с пра́ктикой** бо ҳам пайвастани назария ва амалия; ~**е слов** пайвастшавии калимаҳо 2. мувофиқат, ҷуршавӣ, туғрӣ (рост, баробар) омадан(и); ~**е то́нов** ҷуршавии оҳангҳо; **в** ~**и** *с чем-л.* бо якҷоягӣ, якҷоя бо ... 3. *мн.* **сочета́ния** *мат.* комбинация, комбинаторика

сочета́тельный, -ая, -ое ...и тавъамшавӣ, ...и вобасташавӣ; ~ **рефле́кс** рефлекси вобасташавӣ

сочета́ть *сов., несов. кого-что с кем-чем* якҷоя (вобаста, пайваста, тавъам) кардан; ~ **тео́рию с пра́ктикой** назарияро бо амалия пайваст кардан; ~ **в себе́** дар бар гирифтан; ~ **материа́льные и мора́льные сти́мулы** омилҳои ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ пайвастан

сочета́||ться 1. *сов., несов.* якҷоя (вобаста, пайваста, тавъам) шудан 2. *несов.* мувофиқ будан, рост (баробар) омадан; **ме́бель пло́хо** ~**ется с цве́том стен** мебель бо ранги девор мувофиқ нест 3. *уст. офиц.* никоҳ кардан; ~**ться бра́ком** никоҳ кардан 4. *страд.* якҷоя (вобаста, пайваста, тавъам) карда шудан; мувофиқ карда шудан

сочине́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **сочини́ть**) навиштан(и), гуфтан(и); ~**е расска́за** ҳикоянависӣ 2. таълиф, тасниф, асар: ~**я Гли́эра** асарҳои Глиэр; **по́лное собра́ние** ~**й** куллиёт 3. иншо; ~**е на во́льную те́му** иншо аз рӯи мавзуи озод 4. *грам.* пайвасткунӣ, пайвастшавӣ

сочини́тель *м* 1. *уст. (литератор)* нависанда, муаллиф, мусанниф 2. *разг. презр. (выдумщик)* гапбоф, лаққӣ

сочини́тельница *женск. к* **сочини́тель**

сочини́тельн||ый, -ая, -ое *грам.* пай-

васткунанда; **~ые союзы** бандакҳои пайвасткунанда

сочинительство *с* 1. *уст. теперь ирон. (литературное творчество)* нависандагӣ, муаллифӣ 2. *разг. презр. (выдумывание)* ганбофӣ, лаққигӣ

сочинить *сов. что* 1. навиштан, таълиф кардан, тасниф кардан, гуфтан; **~ поэму** достон (навиштан) гуфтан; **~ музыку к пьесе** ба пьеса мусиқӣ тасниф кардан 2. *разг.* ган бофтан, лаққидан, аз худ бофта гуфтан; **~ небылицу** ҳарза гуфтан 3. *грам.* пайваст кардан

сочинять *несов.* 1. *см.* **сочинить;** 2. *без доп. уст.* таълиф (тасниф) кардан

сочиняться *несов.* 1. таълиф (тасниф) карда шудан 2. бофта шудан

соч||иться *несов.* чакидан, таровидан, заҳидан, рафтан; **из сосны ~тся смола** аз дарахти коҷ катрон метаровад; **из раны ~лась кровь** аз ҷароҳат хун мечакид

сочленение *с* 1. (*по знач. гл.* **сочленить**) пайвандкунӣ, пайванд кардан(и), бастан(и); **~ звеньев цепи** пайвандкунии ҳалқаҳои занҷир 2. *анат.* пайванд, банд, буғум

сочленить *сов. что* пайванд кардан, бастан, бо пайванд васл кардан

сочленять *несов. см.* **сочленить**

сочность *ж* 1. ширанокӣ, ширадорӣ, серобӣ, обдорӣ, сершира будан(и); **~ груш** ширанокии нок 2. *перен.* тару тозагӣ, тару тоза (ботароват) будан(и); **~ красок** ботароватин рангҳо 3. *перен.* хушоҳанг будан(и); **~ звуков** хушоҳанг будан(и) 4. *перен.* пуробутоб будан(и), обдор будан(и); **~ изложения** пуробутоб будани баёнот

сочн||ый, -ая, -ое (сочен, -на, -но) 1. ширанок, ширадор, сероб, обдор, сершира; **~ые яблоки** себҳои обдор; **~ая трава** алафи сершира 2. *перен.* тару тоза, ботароват; **~ые тона** рангҳои ботароват 3. *перен.* хушоҳанг, оҳангнок; ҷарангдор, ширадор; **~ый голос** овози ҷарангдор 4. *перен.* пуробутоб, обдор; **~ый язык** забони пуробуранг; **~ое словцо** сухани обдор ◇ **~ые корма** *с.-х.* алафҳои сершира

сочувственно *нареч.* хайрхоҳона, бо шафқат, дилсузона; **они отнеслись к нему ~** онҳо ба вай дилсузона муомила карданд

сочувственн||ый, -ая, -ое (сочувствен, -на, -но) хайрхоҳона, дилсузона, бо шафқат; **~ое отношение** муомилаи хайрхоҳона

сочувстви||е *с* 1. ҳамдардӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ, шафқат; **искать ~я** шафқат ҷустан; **выразить (проявить) ~е** ҳамдардӣ изҳор кардан; **из ~я** аз руи дилсӯзӣ 2. хайрхоҳӣ, ҳусни таваҷҷуҳ; **его предложение было встречено общим ~ем** таклифи у бо хайрхоҳии умум қабул карда шуда буд; **не встретить ~я** хайрхоҳӣ надидан

сочувствовать *несов. кому-чему* 1. ҳамдардӣ (дилсӯзӣ) кардан, ғамхорӣ кардан, ҳамдард шудан; **~ чьему-л. несчастью** ба бадбахтии касе ҳамдардӣ кардан; **~ больному** ба бемор ҳамдард шудан 2. хайрхоҳӣ кардан, маъқул ёфтан, бо назари хайрхоҳона нигоҳ кардан; **~ чьему-л. мнению** ақидаи касеро маъқул ёфтан

сочувствующий, -ая, -ее 1. *прич.* ҳамдардӣ карда, дилсӯзӣ карда 2. *в знач. сущ.* **сочувствующий** *м*, **сочувствующая** *ж* дилсӯз, мушфиқ, хайрхоҳ

сошествие *с книжн.* нузул

сошка *ж уст.* пояи милтиқ ё пулемёт ◇ **мелкая ~** одами камэътибор

сошник *м* 1. *с.-х.* поза, сипор, испор 2. *воен.* пояи туп

сощуривать *несов. см.* **сощурить**

сощуриваться *несов.* 1. *см.* **сощуриться;** 2. *страд.* нимпуш карда шудан

сощурить *сов. что* нимпуш кардан; **~ глаза** чашмро нимпуш кардан

сощури||ться *сов.* чашмони худро нимпуш кардан; **глаза его ~лись** чашмонаш нимпуш шуданд; **он ~лся и внимательно глядел вдаль** вай чашмонашро нимпуш карда ба дуродур нигоҳ мекард

союз I *м* 1. иттифоқ, иттиҳод, иттиҳодия; **~ рабочего класса и крестьянства** иттифоқи синфи коргар бо деҳқонон; **в ~е с кем-л.** дар якҷоягӣ бо касе; **вступить в ~** иттифоқ бастан; **брачный ~** ақди никоҳ 2. шартнома, аҳднома; **заключить ~** шартнома бастан 3. *полит.* иттифоқ; **Советский Союз** Иттифоқи Советӣ; **Всесоюзный Ленинский Коммунистический Союз Молодёжи** Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонони Умумииттифоқ; **профессиональный ~** иттифоқи касаба

союз II *м грам.* пайвандак; **соединительный ~** пайвандаки пайвасткунанда; **разделительный ~** пайвандаки ҷудоӣ; **условный ~** пайвандаки шартӣ

союзка *ж (у обуви)* ручарми муза

союзник *м* 1. *полит.* иттифоқчӣ 2. ҳамақида, ҳаммаслак, ҳамфикр, ҳамкор, шарик

союзническ||ий, -ая, -ое ...и иттифоқчӣ, ...и иттифоқчиён; **~ая авиация** авиацияи иттифоқчиён

союзно-республиканск||ий, -ая, -ое иттифоқи-республикавӣ; **~ие министерства** вазоратҳои иттифоқӣ-республикавӣ

союзн||ый I, -ая, -ое 1. иттифоқӣ, ...и иттифоқ; **~ые республики** республикаҳои иттифоқӣ 2. ...и иттифоқчиён; **~ые войска** қушуни иттифоқчиён; **~ые державы** давлатҳои иттифоқчӣ 3. ...и иттифоқи касаба, ...и союз; **по ~ой линии** бо роҳи иттифоқи касаба

союзн||ый II, -ая, -ое *грам.* ...и пайвандак, пайвандакдор; **~ая конструкция** ҷумлаи (ибораи) пайвандакдор

соя *ж* 1. *бот.* соя *(як нав лубиё)* 2. *разг. (приправа)* кайлаи соя

спад *м* (*по знач. гл.* **спасть** 2) камшавӣ, сустшавӣ, таназзул; **~ весенних вод** камшавии обҳои баҳор; **творческий ~** таназзули эҷодӣ; **экономический ~** таназзули иқтисодӣ

спадать *несов. см.* **спасть**

спазм *м*, **спазм||а** *ж* рагкашӣ, ихтилоҷ; **сердечные ~ы** ихтилоҷи дил; **~ы в желудке** ихтилоҷи меъда

спазматическ||ий, -ая, -ое 1. ...и рагкашӣ, ихтилоҷӣ; **~ий кашель** сулфаи ихтилоҷӣ 2. беихтиёрона, ғайриихтиёрӣ; **~ие рыдания** гиряи беихтиёрона

спаивать I *несов. см.* **спаять**

спаивать II *несов. см.* **споить**

спаиваться I *несов. страд.* кафшер карда шудан

спаиваться II *несов. страд.* арақхӯр (майхур) карда шудан

спайк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **спаять**) кафшеркунӣ; (*по знач. гл.* **спаяться**) кафшершавӣ; **~а труб** кафшеркунии қубурҳо 2. ҷои кафшершудаи чизе; **разломаться по ~е** аз ҷои кафшершуда шикастан 3. *биол.* илтисоқ; **~а лепестков цветка** илтисоқи баргҳои гул 4. *мед.* илтиҳоқ; **~и кишечника** илтиҳоқи рудаҳо 5. *перен.* ягонагӣ, алоқа, муттафиқӣ; **тесная ~а** алоқаи зич

спайщик *м* кафшергар

спалить *сов. что* 1. сухтан; **~ мусор** ахлотро сӯхтан 2. сӯзондан; **~ брови** абрухоро сӯзондан; **~ спину на солнце** тахтапуштро дар офтоб сузондан 3. сӯзондан, парт кардан

спальник *м* 1. *ист.* мири шабистон *(дар Руси замони пеш аз салтанати Пётр I)* 2. *разг. (спальный мешок)* хобхалта

спальн||ый, -ая, -ое 1. ...и хоб; **~ые принадлежности** рахти хоб; **~ый вагон** вагони ҷоихобдор; **~ый мешок** хобхалта 2. *в знач. сущ.* **спальная** *ж* хонаи хоб

спальня *ж* хонаи хоб

спань||ё *с* (*по знач. гл.* **спать** 1) хоб, хобкунӣ; **место для ~я** ҷои хоб

спардек *м мор.* спардек *(саҳни болоии киштӣ)*

спаренн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* ҷуфт (қуша) кардашуда 2. *прил.* ҷуфт; **~ая ось** *ж.-д.* меҳвари ҷуфт 3. *прил.* ҷуфти кунондашуда, насл гирондашуда ◇ **~ая езда** сафари навбатакӣ *(бонавбат рондани мошин ё локомотив аз тарафи ду ронанда ё ду бригадаи ронандагони поезд)*

спаржа *ж бот.* сарсабил, морҷуба

спаржевый, -ая, -ое *бот.* ...и сарсабил, ...и морҷуба

спаривание *с* (*по знач. гл.* **спарить**) ҷуфтикунонӣ, наслгиронӣ; (*по знач. гл.* **спариться**) ҷуфтишавӣ

спаривать *несов. см.* **спарить**

спариваться *несов.* 1. *см.* **спариться;** 2. *страд.* ҷуфт (қуша) карда шудан; ҷуфтӣ кунонда шудан, насл гиронда шудан

спарить *сов.* 1. *кого-что* дуқӯша (ҷуфт) кардан 2. *кого с.-х.* ҷуфтӣ кунондан, насл гирондан

спариться *сов. (о животных)* ҷуфти шудан

спартакиада *ж* спартакиада; **~ народов СССР** спартакиадаи халқҳои СССР

спартанец *м* 1. *ист.* аҳли Спарта, спартагӣ *(аҳли Спарта ном давлати Юнони Қадим, ки аз руи ривоят тарзи зиндагиашон хеле сахт буд)* 2. *перен.* риёзаткаш

спарта́нский, -ая, -ое 1. ...и Спарта 2. *перен.* пурриёзат; ~ **о́браз жи́зни** зиндагии пурриёзат

спа́рхивать *несов. см.* **спорхну́ть**

спа́рывать *несов. см.* **споро́ть**

спа́рываться *несов.* 1. *см.* **споро́ться** 2. *страд.* канда шудан

спаса́ние *с* (*по знач. гл.* **спасти́**) наҷотдиҳӣ, халоскунӣ, раҳокунӣ

спаса́тель *м* наҷотдиҳанда, халоскунанда, раҳоидиҳанда

спаса́тельн||ый, -ая, -ое наҷотдиҳанда, халоскунанда, раҳоидиҳанда; ~**ый круг** чамбари наҷот; ~**ый по́яс** камарбанди наҷот; ~**ая экспеди́ция** экспедицияи наҷот

спаса́ть *несов. см.* **спасти́**

спаса́ться *несов.* 1. *см.* **спасти́сь**; 2. *страд.* наҷот дода шудан, халос (раҳо) карда шудан

спасе́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **спасти́**) наҷотдиҳӣ, халоскунӣ, раҳокунӣ; (*по знач. гл.* **спасти́сь**) наҷотьёбӣ; ~**е утопа́ющих** наҷотдиҳии ғарқшавандагон; ~**е иму́щества от огня́** халоскунии молу мулк аз хатари оташ 2. наҷот, халосӣ, раҳоӣ; ~**я нет** халосӣ нест; ~**е заключа́лось то́лько в быстроте́ и реши́тельности** роҳи наҷот танҳо дар ҷустию далерӣ буд

спаси́бо 1. *частица кому и без доп.* раҳмат, ташаккур; ~ **ему́** раҳмат ба вай; ~ **за по́мощь** барои ёрдам ташаккур; ~ **и на том** барои ҳамин ҳам раҳмат 2. *в знач. сущ.* **спаси́бо** *нескл. с* раҳмат, ташаккур; **большо́е** ~! бисьёр раҳмат! 3. *в знач. вводн. сл. прост.* хайрият; ~, **меня́ предупреди́ли вовре́мя** хайрият, маро дар вақташ огоҳониданд ◇ **за** ~ муфт, бепул

спаси́тель *м* 1. наҷотдиҳанда, халоскунанда, раҳоидиҳанда, раҳокунанда 2. *церк.* Масеҳо, Исо

спаси́тельница *женск. к* **спаси́тель** 1

спаси́тельный, -ая, -ое (спаси́те|лен, -льна, -льно) наҷотбахш, наҷотдиҳанда; ~ **сове́т** маслиҳати наҷотбахш

спасова́ть *сов.* 1. *карт.* нагаштан; бозӣ накардан 2. *перен.* тоб наовардан, даст кашидан, тарсидан; ~ **пе́ред тру́дностями** ба мушкилиҳо тоб наовардан

спасти́ *сов. кого-что* наҷот (раҳоӣ) додан, халос (раҳо) кардан; ~ **от сме́рти** аз марг халос кардан; ~ **карти́ны от пожа́ра** расмҳоро аз сухтор халос кардан; ~ **больно́го** беморро аз марг халос кардан; ~ **утопа́ющего** ғарқшавандаро наҷот додан ◇ ~ **положе́ние** илоҷ (роҳ) ёфта додан

спасти́сь *сов.* наҷот (раҳоӣ) ёфтан, халос шудан; ~ **от сме́рти** аз марг наҷот ёфтан; **он едва́ спа́сся** вай ба зур наҷот ёфт

спасти́ческий, -ая, -ое *см.* **спазмати́ческий** 1

спасть *сов.* 1. *с чего* афтодан, ғалтидан; **кольцо́ спа́ло с па́льца** ангуштарин аз ангушт афтодааст 2. *без доп.* кам шудан, гаштан, суст шудан; **жара́ спа́ла** гармӣ гашт; **вода́ в реке́ спа́ла** оби дарьё кам шуд ◇ ~ **с лица́** *прост.* худро гирондан; ~ **с те́ла** *прост.* логар (хароб) шудан; **у меня́ как бу́дто (сло́вно, то́чно) пелена́ спа́ла с глаз** гуё ки чашмам мош барин кушода шуд

спать *несов.* 1. хоб рафтан, хобидан, хуфтан; **ложи́ться** ~ хоб рафтан; **кре́пко** ~ сахт хобидан; ~ **сном пра́ведника** сахту ором хоб кардан; **чу́тко** ~ хушьёрона хобидан; ~ **под откры́тым не́бом** берун хобидан 2. *перен. поэт.* ором будан; **река́ спит** дарьё ором аст 3. *перен. поэт.* хоб рафтан, азоб надодан, надодан; **со́весть спит** виҷдон азоб намедиҳад 4. *перен. разг.* ҳаракат накардан, бекор нишастан; **не спи, а де́йствуй!** бекор нашин — ҳаракат кун! ◇ ~ **валётом** по ба сар хобидан; ~ **ве́чным сном** ба хоби абадӣ рафтан; **спит и ви́дит** *что* фикру зикраш дар ҳамин аст; **ла́вры кого́-л., чьи́-л.** ~ **не даю́т кому́-л.** шуҳрати касе ба касе қарору ором намедиҳад

спа́ться *несов. безл.* хоб бурдан, хоб омадан; **как тебе́ спало́сь?** чӣ хел хобидӣ?; **мне не спи́тся** хобам намеояд

спа́янность *ж* 1. пайванд; ~ **льдо́в** пайванди яххо 2. *перен.* муттафиқӣ, тифоқ, як будан(и); ~ **коллекти́ва** тифоқи коллектив

спа́янный, -ая, -ое (спа́ян, -а, -о) 1. *прич.* кафшер кардашуда 2. *прил. перен.* муттафиқ, иттифоқ, тифоқ; ~ **коллекти́в** коллективи иттифоқ

спая́||ть *сов.* 1. *что* кафшер кардан, бо кафшер часпондан; ~**ть тру́бы** қубурҳоро кафшер карда часпондан 2. *кого-что перен.* муттаҳид (муттафиқ) кардан, як кардан; **их** ~**ла те́сная дру́жба** онҳоро дустии наздик муттаҳид кардааст

спая́||ться *сов.* 1. бо кафшер часпидан, кафшер шудан 2. *перен.* муттаҳид (муттафиқ, як) шудан

спева́ться *несов. см.* **спе́ться**

спе́вка *ж* машқи хониши умумӣ; ~ **состои́тся за́втра** машқи хониши умумӣ пагоҳ мешавад

спека́ние *с тех.* гудохта часпидан(и); об карда часпондан(и)

спека́ть *несов. что тех.* гудохта (об карда) часпондан

спека́ться *несов. см.* **спе́чься**

спекта́кл||ь *м* спектакль, тамошо; **де́тский** ~**ь** спектакли бачагона; **дневны́е** ~**и** тамошоҳои рузона

спектр *м* спектр (*маҷмуи қиматҳои ин ё он бузургие, ки ягон система ё процессро тавсиф медиҳад*); **со́лнечный** ~ спектри офтоб; **магни́тный** ~ спектри магнитӣ

спектра́льн||ый, -ая, -ое *физ.* спектрӣ, ...и спектр; ~**ый ана́лиз** таҳлили спектрӣ; ~**ые ли́нии** хатҳои спектр

спектрогелио́граф *м физ.* спектрогелиограф (*асбоби астрономӣ барои гирифтани акси сатҳи Офтоб*)

спектро́граф *м физ.* спектрограф (*асбоби оптикӣ барои аксгирӣ ё қайдкунии спектри оптикӣ*)

спектро́метр *м физ.* спектрометр, спектрсанҷ

спектрометри́ческий, -ая, -ое *физ.* ...и спектрометр

спектроско́п *м физ.* спектроскоп (*асбоби оптикӣ барои мушоҳидаи қисми намоёни спектр*)

спектроскопи́ческий, -ая, -ое *физ.* спектроскопӣ, ...и спектроскопия

спектроскопи́я *ж физ.* спектроскопия (*фасли физика, ки спектрҳои афканишоти электромагнитии атомҳоро меомузад*)

спекули́рование *с* 1. *чем* (*по знач. гл.* **спекули́ровать**) ҳаннотӣ (ҷаллобӣ) кардан(и) 2. *на чём перен.* худбинӣ, худпарастӣ

спекули́ровать *несов.* 1. *чем, на чём и без доп.* ҳаннотӣ (ҷаллобӣ) кардан, спекуляция кардан, арзон харида қимат фурухтан 2. *чем, на чём перен.* худбинӣ (худпарастӣ) кардан; ~ **свои́м положе́нием** аз мансаби худ суиистифода кардан

спекуля́нт *м* ҳаннот, ҷаллоб, спекулянт

спекуля́нтка *женск. к* **спекуля́нт**

спекуля́нтский, -ая, -ое ...и ҳаннот, ...и ҷаллоб, ...и спекулянт

спекуляти́вн||ый I, -ая, -ое ...и ҳаннотӣ, ...и ҷаллобӣ, ...и спекуляция; ~**ые це́ны** нархҳои ҷаллобӣ

спекуляти́вн||ый II, -ая, -ое (спекуляти́в|ен, -на, -но) *филос.* ақлӣ; ~**ая филосо́фия** фалсафаи ақлӣ

спекуля́ция I *ж* 1. ҳаннотӣ, ҷаллобӣ 2. *перен.* қасди бад, нияти бад; ~ **на дове́рчивости окружа́ющих** бо нияти бад истифодабарии боварии атрофиён; ~ **на затрудне́ниях** аз мушкилиҳо бо нияти бад истифода бурдан

спекуля́ция II *ж филос.* хулосаи ақлӣ

спелена́ть *сов. кого-что* парпеч (юрчак) кардан

спелео́лог *м* спелеолог

спелеоло́гия *ж* спелеология, ғоршиносӣ (*тадқиқи пайдоиш, шакл, инкишоф, микроиқлим, об, олами ҷонварони ғору мағораҳо*)

спе́лость *ж* пухтагӣ, расидагӣ; пухта (расида) будан(и); **моло́чно-воскова́я** ~ *с.-х.* нимдунбул; **по́лная** ~ *с.-х.* пухтагии том ◇ ~ **по́чвы** *с.-х.* тайёр будани хок, расидагии хок

спе́л||ый, -ая, -ое (спел, -а́, -о) пухта, расида; ~**ый виногра́д** ангури пухта; ~**ые поча́тки кукуру́зы** сарҳои пухтаи ҷуворимакка

сперва́ *нареч. разг.* аввал, аввалан, аз аввал; ~ **вы́слушай, а пото́м отвеча́й** аввал гуш кун, баъд ҷавоб деҳ

спервонача́ла, спервонача́лу *нареч. прост. см.* **сперва́**

спе́реди *разг.* 1. *нареч.* аз пеш, дар пеш, пеш-пеш; **ся́дьте** ~ дар пеш шинед 2. *предлог с род.* дар пеши..., аз пеши..., пеш-пеши...; ~ **до́ма был палиса́дник** дар пеши хона боғча буд

спере́ть *сов. кого-что* 1. *прост.* дуздидан, задан 2. *уст. и прост.* (*сдавить*) фишор додан, танг кардан 3. *чаще безл.* танг шудан, тазьиқ кардан; **дыха́ние спёрло** *уст. и прост.* нафас танг шуд

спе́рма *ж биол.* нутфа, мани
сперматозо́ид *м биол.* ҳуҷайраи мани
спермаце́т *м* анбар
спермаце́тов||ый, -ая, -ое ... анбарӣ, мушкин; ~ое **мы́ло** собуни мушкин
спёртость *ж разг.* ғализӣ, вайронӣ, дам будан(и); ~ **во́здуха** дам будани ҳаво
спёртый, -ая, -ое 1. *прич.* фишор додашуда, сиққондашуда, танг кардашуда 2. *прил. разг.* ғализ, вайрон, дам; ~ **во́здух** ҳавои дам, ҳавои вайрон
спеси́вость *ж* мағрурӣ, мутакаббирӣ, калонигарӣ, ҳавобаландӣ; ~ **поведе́ния** мағрурӣ, каттагӣ
спеси́вый, -ая, -ое (спеси́в, -а, -о) мағрур(она), пурғурур, мутакаббир(она), ҳавобаланд(она); ~ **челове́к** одами мағрур
спесь *ж* ғурур, кибр, такаббур, ҳавобаландӣ; **сбить** ~ **с кого́-л.** ғурури касеро паст кардан
спе||ть I *сов. что* хондан, сурудан, хонда додан; **арти́ст** ~**л пе́сню** артист суруд хонд; **спо́йте что́-нибудь** ягон чиз хонед ◇ **его́ (её, моя́** *и т. д.*) **пе́сенка** ~**та** кораш (корам *ва ғ.*) тамом, ба сараш (сарам *ва ғ.*) об рехтанд
спе||ть II *несов.* пухтан, расидан; **пшени́ца** ~**ет** гандум пухта истодааст
спе́||ться *сов.* 1. ҳамоҳанг шудан, бо ҳам ҷур шудан *(дар сурудан)* 2. *перен. разг.* забон як кардан, ба қароре омадан; **они́ бы́стро** ~**лись** онҳо зуд забон як карданд
спех *м*: **не к** ~**у** таъҷилӣ нест; **э́то де́ло не к** ~**у** ин кор он қадар таъҷилӣ не, ин кор бофурсат
спец *м разг.* усто, кордон, моҳир
спец: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «махсус»*: **спецоде́жда** либоси махсус
специализа́ция *ж* (*по знач. гл.* **специализи́ровать**) ихтисос додан(и); (*по знач. гл.* **специализи́роваться**) мутахассис шудан(и); тахассус; ~ **заво́да** тахассуси завод; [**междунаро́дная**] ~ **произво́дства** тахассуси [байналхалқии] истеҳсолот
специализи́рованный, -ая, -ое 1. *прич.* махсус (мутахассис) кардашуда, тахассусӣ 2. *прил.* махсус; ~ **магази́н о́буви** магазини махсуси пойафзолфурӯшӣ
специализи́ровать *сов., несов.* 1. *кого* ихтисос пайдо кунондан, мутахассис кардан 2. *что* тахассус додан; ~ **совхо́з** совхозро тахассус додан
специализи́роваться 1. *сов., несов. в чём* ихтисос пайдо кардан, мутахассис шудан; ~ **в о́бласти хлопково́дства** дар соҳаи пахтакорӣ ихтисос пайдо кардан 2. *несов.* тахассус дода шудан
специали́ст *м* мутахассис, усто; ~ **по садово́дству** мутахассиси боғдорӣ; **кру́пный** ~ мутахассиси калон
специа́льно *нареч.* 1. *(профессионально)* махсус 2 *(намеренно)* махсусан, маҳз, алоҳида; **мы пришли́** ~ **за ва́ми** мо маҳз барои шумо омадем 3. *(только, исключительно) уст.* алоҳида
специа́льност||ь *ж* ихтисос, тахассус; **приобрести́** ~**ь** ихтисос пайдо кардан; **работать по** ~**и** аз рӯи ихтисоси худ кор кардан
специа́льн||ый, -ая, -ое (специа́|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* махсус, хос, алоҳида; ~**ые прибо́ры** асбобҳои махсус; ~**ый разгово́р** гуфтугӯи алоҳида; ~**ый корреспонде́нт** мухбири махсус 2. махсус, хос; ~**ое образова́ние** маълумоти махсус
специ́фика *ж* хусусият, хислати хос; ~ **произво́дства** хусусияти истеҳсолот
специфика́ция *ж* 1. тасиифот 2. номгӯй, рӯйхат, супоришнома
специфици́ровать *сов., несов. кого-что* тасниф кардан; рӯйхат кардан
специфи́ческ||ий, -ая, -ое хос, махсус, ба худ хос; ~**ий вкус** таъми ба худ хос; ~**ая фо́рма** шакли махсус; ~**ие сре́дства** *мед.* давоҳои махсус
специфи́чность *ж* хусусият, хос будан(и); ~ **рису́нка** хусусияти расм
специфи́чный, -ая, -ое (специфи́ч|ен, -на, -но) *см.* **специфи́ческий**
спе́ция *ж* 1. *уст. (лекарство)* дору, даво 2. *(приправа)* дорувор
спецко́р *м* мухбири махсус
спецку́рс *м* курси махсус
спецо́вка *ж разг. см.* **спецоде́жда**
спецоде́жда *ж* либоси махсус
спецподгото́вка *ж* тайёрии махсус
спечь *сов. что разг.* пухтан
спёчься *сов.* 1. *прост.* пухтан, пухта шудан 2. илтиём; **на ра́нке спекла́сь кровь** хуни захм илтиём ёфт 3. *тех.* гудохта (ба ҳам) часпидан, об шуда (ба ҳам) часпидан; **у́голь спёкся** ангишт гудохта (ба ҳам) часпид
спе́шивать *несов. см.* **спе́шить**
спе́шиваться *несов.* 1. *см.* **спе́шиться;** 2. *страд.* пиёда карда шудан, аз асп фуроварда шудан
спе́шить *сов. кого* пиёда кардан, аз асп фуровардан; ~ **вса́дников** саворонро пиёда кардан
спеш||и́ть *несов.* с *неопр.*, с *чем и без доп.* шитофтан, шитоб (таъҷил) кардан; шитобон рафтан; ~**и́ть** уйти́ барои рафтан шитоб кардан; **куда́ вы** ~**и́те?** шумо куҷо мешитобед?; ~**и́ть домо́й** шитобон хона рафтан; **они́** ~**а́т в теа́тр** онҳо ба театр мешитобанд ◇ **часы́** ~**а́т** соат пеш меравад; **не** ~**а́** оҳиста, бе шитоб
спе́ши||ться *сов.* пиёда шудан, аз асп фуромадан; **отря́д** ~**лся** отряд пиёда шуд
спе́шка *ж разг.* (*по знач. гл.* **спеши́ть**) шитофтан(и); шитоб, таъҷил, телбагӣ; **к чему́ така́я** ~? ин қадар шитоб чӣ лозим?
спе́шно *нареч.* шитобон, бо таъҷил, зуд, фавран; **он** ~ **уе́хал домо́й** вай фавран ба хона рафт
спе́шност||ь *ж* таъҷилӣ будан(и), шитобӣ будан(и); **в слу́чае** ~**и** дар сурати таъҷилӣ будан
спе́шн||ый, -ая, -ое (спе́ш|ен, -на, -но) таъҷилӣ, фаврӣ, бошитоб, зуд; ~**ое поруче́ние** супориши таъҷилӣ; ~**ое письмо́** мактуби фаврӣ; ~**ый зака́з** супориши фаврӣ
спива́ться *несов. см.* **спи́ться**
спидо́метр *м* спидометр, суръатсанҷ
спи́кер *м* спикер (1. *дар парламенти Англия — раиси палатаи общинаҳо* 2. *дар ШМА — раиси интихобшавандаи палатаи намояндагон)*
спи́ливание *с* (*по знач. гл.* **спили́ть**) буридан(и), арра кардан(и); ~ **сухи́х дере́вьев** арра кардани дарахтҳои хушк
спи́ливать *несов. см.* **спили́ть**
спили́ть *сов. что* буридан, арра кардан, арра карда буридан; ~ **де́рево** дарахтро арра кардан
спин||а́ *ж* пушт, тахтапушт; **выпрями́ть спи́ну** қомат (қад) рост кардан; **прислони́ться** ~**о́й к чему́-л.** бо пушт ба чизе такья кардан; **па́дать на́ спину** пуштнокӣ афтодан; **пла́вать на** ~**е́** пуштнокӣ шино кардан; **выгиба́ть спи́ну** *(о кошке)* пуштро хам кардан; **лежа́ть на** ~**е́** пуштнокӣ хобидан ◇ **гнуть (лома́ть) спи́ну** арақи ҷабин рехтан; **гнуть спи́ну** *перед кем* 1) миёнғу шудан 2) косалесӣ кардан; **за** ~**о́й** *кого* 1) пинҳонӣ, махфӣ 2) дар нафақаи касе; дар паноҳи касе 3) дар гузашта 4) дар ақибгоҳ; **на со́бственной** ~**е́ узна́ть** (испыта́ть) аз сари худ гузарондан, бо чашми худ дидан; **нож в спи́ну кому́-л.** *в знач. сказ.* ба касе хиёнат кардан; **показа́ть спи́ну** 1) пушт гардонда рафтан, изҳори норизоӣ кардан 2) гурехтан, пушт гардондан, рӯ ба гурез ниҳодан; **мура́шки бе́гают по** ~**е́** бадан ваҷаррос мезанад
спи́нка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **спина́;** 2. пушт, такья; ~ **кре́сла** такьяи курсии паҳлудор; **у дива́на высо́кая** ~ такьяи диван баланд аст 3. *(часть одежды)* пушт 4. *(часть рыбы)* тахтапушт
спи́ннинг *м рыб.* спиннинг (1. *шасти моҳигирӣ, ки ғарғараи махсус дорад* 2. *бо ин гуна шаст моҳӣ гирифтан)*
спинно́й, -а́я, -о́е ...и пушт; ~ **мозг** ҳароммағз; ~ **хребе́т** аррапушт
спинномозгово́й, -а́я, -о́е ...и ҳароммағз
спира́л||ь *ж* 1. *мат.* илтиво *(хати морпеч)* 2. *тех.* симпеч; **дви́гаться по** ~**и** бо роҳи морпеч рафтан
спира́льн||ый, -ая, -ое морпеч, печдор, ...и илтиво; ~**ая ле́стница** зинаи морпеч; ~**ая пружи́на** пружинаи морпеч
спира́лью *нареч.* ба таври морпеч; **доро́га шла** ~ роҳ морпеч мерафт
спира́ть *несов. см.* **спере́ть**
спири́т *м* спирит *(касе, ки бо спиритизм машғул аст)*
спирити́зм *м* спиритизм *(ақидаи хурофотӣ, ки гӯё бо арвоҳи мурдагон алоқа доштан мумкин бошад)*
спирити́ческий, -ая, -ое спиритӣ, ...и спиритизм
спиритуали́зм *м филос.* спиритуализм *(таълимоти идеалистии фалсафӣ, ки мабдаи руҳониро моҳияти олам ва тамоми моддиётро зодаи худо мешуморад)*
спиритуали́ст *м филос.* пайрави спиритуализм

спиритуалистическ||ий, -ая, -ое ...и спиритуализм, спиритуалӣ; **~ая философия** фалсафаи спиритуалӣ

спирометр *м* спирометр (*асбобест, ки ҳаҷми ҳавои шушҳо фурукашидаро чен мекунад*)

спирохета *ж мед.* спирохета (*микробҳои барангезонандаи касалиҳои сироятӣ*)

спирт *м* спирт; **винный ~** спирти шароб; **древесный ~** спирти чуб; **нашатырный ~** спирти навшодир

спиртн||ой, -ая, -ое 1. ...и спирт; **~ой запах** буи спирт 2. спиртдор, спиртнок; **~ые напитки** машруботи спиртдор 3. *в знач. сущ.* **спиртное** *с* шароб, май, арақ

спиртовать *несов. что* дар спирт хобондан

спиртовка *ж* спиртовка, лампаи спиртӣ

спиртов||ой, -ая, -ое ...и спирт, спиртӣ; **~ой лак** лаки спиртӣ

спиртомер *м* спиртомер, спиртсанҷ

списание *с* (*по знач. гл.* **списать** 3, 4) аз ҳисоб баровардан(и); баровардан(и)

списа||ть *сов.* 1. *что, с чего* навишта гирифтан, кӯчондан, кӯчонда навиштан, нусха бардоштан (гирифтан); **~ть с доски** аз тахта навишта гирифтан 2. *кого-что, с кого-чего* нусха бардоштан, тасвир кардан; **свою «Студентку» художник ~л с сестры** дар расми «Студентдухтар»и худ рассом хоҳари худро тасвир кардааст 3. *что бухг.* аз ҳисоб баровардан, сарф шудагӣ ҳисоб кардан; **~ть задолженность** карзро аз ҳисоб баровардан 4. *мор.* хориҷ кардан, баровардан ◇ **~ть в расход** *уст. прост. кого* паррондан, куштан

списа||ться *сов.* 1. *с кем-чем* мукотиба кардан; **он ~лся с семьёй** вай бо оилааш мукотиба кард 2. *мор.* хориҷ шудан, баромадан

список *м* 1. рӯйхат, номгӯй, феҳрист; **~ избирателей** рӯйхати интихобкунандагон; **~ награждённых** рӯйхати мукофотгирандагон; **трудовой ~** хизматнома; **инвентарный ~** рӯйхати чизҳо 2. нусха; **~ летописи** нусхаи солнома; **одни из списков «Шахнаме» Фирдоуси** яке аз нусхаҳои «Шоҳнома»и Фирдавсӣ ◇ **чёрные списки** рӯйхатҳои сиёҳ

списывание *с* (*по знач. гл.* **списать**) навишта гирифтан(и), нусха бардоштан(и); аз ҳисоб баровардан(и)

списывать *несов. см.* **списать**

списываться *несов.* 1. *см.* **списаться**; 2. *страд.* навишта гирифта шудан, нусха бардошта шудан; аз ҳисоб бароварда шудан

спитой, -ая, -ое *разг.* нимранг; **~ чай** чои нимранг, шаммачой

спиться *сов.* майзада шудан ◇ **~ с кругу (с круга)** *прост.* аз мастигарӣ ба дараҷаи пастӣ расидан, мастигарӣ карда аз қатори одамон баромадан

спихивать *несов. см.* **спихнуть**

спихнуть *сов. разг.* 1. *кого-что* тела додан, тела дода фуровардан (ғалтондан); **~ с лестницы** аз нардбон тела дода ғалтондан 2. *кого перен. прост.* ҳай кардан, рондан ◇ **~ с рук (с шеи, с плеч) кого-что-л.** *прост.* аз чизе (касе) халос шудан

спица *ж* 1. (*игла для вязания*) сихи ҷуроббофӣ, пилтакаш 2. (*стержень для колеса*) парраи чарх ◇ **последняя ~ в колеснице** 1) одами беэътибор, одами нуфузаш хеле паст 2) чизи нодаркорӣ, чизи назарногир

спич *м* нутқи табрикӣ (*дар зиёфат*)

спичечница *ж* гугирддон, гугирдмонак; **деревянная ~** гӯгирддони чубин

спичечн||ый, -ая, -ое ...и гугирд; **~ая коробка** қуттии гугирд; **~ая фабрика** фабрикаи гугирд

спич||ка *ж* гӯгирд, як дона гӯгирд; **коробка ~ек** як қуттӣ гугирд; **зажечь ~ку** гугирдро даргирондан; **чиркнуть ~кой** ширти карда гугирд задан ◇ **как ~ка** чӯб барин коқ

сплав I *м тех.* хула; **~ меди с оловом** хулаи мис ва қалъагӣ

сплав II *м* (*по знач. гл.* **сплавить** II) салронӣ

сплавать *сов. разг.* шино карда гирифтан; то ба маррае шинокунон рафта омадан

сплавить I *сов. что тех* гудохта омехтан; **~ два слитка** ду порчаи сабикаро гудохта омехтан

сплавить II *сов.* 1. *что* салронӣ кардан 2. *кого-что перен. прост.* аз сари худ соқит кардан; об кардан

сплавиться *сов.* гудохта омехта шудан

сплавка *ж см.* **сплав** II

сплавлять I *несов. см.* **сплавить** I

сплавлять II *несов. см.* **сплавить** II

сплавляться I *несов.* 1. *см.* **сплавиться**; 2. *страд.* гудохта омехта шудан

сплавляться II *несов. страд.* салронӣ карда шудан

сплавн||ой, -ая, -ое 1. (*о лесе и т. п.*) салронишаванда; **~ой лес** чӯби салронӣ мешудагӣ 2. ба салронӣ боб; **~ая река** дарьёи ба салронӣ боб

сплавщик *м* салрон

спланировать I *сов. что* план тартиб додан, нақша кашидан; **~ работу** корро ба план даровардан

спланирова||ть II *сов. ав.* оҳиста-оҳиста ба замин фуромадан; **самолёт ~л на луг** самолёт оҳиста-оҳиста ба алафзор фуромад

спланхнология *ж анат.* спланхнология (*шуъбаи анатомия, ки узвҳои даруниро меомузад*)

сплачивать *несов. см.* **сплотить**

сплачиваться *несов.* 1. *см.* **сплотиться**; 2. *страд.* зич (муттаҳид, муттафиқ) карда шудан

сплёвывать *несов. см.* **сплюнуть**

сплёскивать *несов. см.* **сплеснуть**

сплеснуть *сов. что прост. и обл.* 1. (*вымыть*) шалпас (лаппас) зада шустан 2. (*вылить*) ҳаво дода рехтан

сплести *сов. что* 1. бофтан; **~ венок** гулчанбар бофтан; **~ коврик** гилемча бофтан 2. бофта пайваст кардан; бофта қатӣ кардан; **~ концы верёвки** нугҳои арғамчинро бофта пайваст кардан 3. *перен. разг.* бофтан; **~ небылицу** гапи дуруғ бофтан

сплe||стись *сов.* 1. ба ҳам печида шудан, печ дар печ шудан; **плети дынь ~лись** палакҳои харбуза ба ҳам печиданд 2. *перен.* мураккаб шудан; **обстоятельства ~лись неудачно** вазъият мураккаб шуд

сплетать *несов. см.* **сплести**

сплетаться *несов.* 1. *см.* **сплестись**; 2. *страд.* ба ҳам печонда шудан

сплетение *с* 1. бофт, печиш, печдарпечӣ, печдарпечшавӣ; **~ нитей в ковре** бофти ресмонҳои гилем; **солнечное ~** *анат.* асабҳои болои ноф 2. ҷои печиш, печишгоҳ

сплетник *м* суханчин, хабаркаш, ғайбатчӣ

сплетница *женск. к* **сплетник**

сплетничать *несов. разг.* суханчинӣ (хабаркашӣ, ғайбат) кардан

сплетня *ж* ғайбат

сплин *м уст.* (*тоска, хандра*) хафагӣ, зиқӣ

сплотить *сов.* 1. *что* ба ҳамдигар зич бастан, пайваст кардан; **~ брёвна** ғӯлаҳоро ба ҳамдигар зич бастан 2. *кого-что перен.* муттаҳид (муттафиқ, як) кардан; **~ народные массы** оммаҳои халқро муттаҳид кардан

сплотиться *сов.* 1. зич (ҷафс) шудан 2. *перен.* муттаҳид (муттафиқ) шудан; **~ против общего врага** бар зидди душмани умумӣ муттаҳид шудан

сплоховать *сов. разг.* хато (саҳв) кардан

сплочение *с* (*по знач. гл.* **сплотить** 2) муттаҳидкунӣ, муттафиққунӣ; (*по знач. гл.* **сплотиться**) зичшавӣ, ҷафсшавӣ; муттаҳидшавӣ, муттафиқшавӣ; **~ масс** муттаҳидшавии оммаҳо

сплочённость *ж* зич будан(и), ҷафс будан(и), муттаҳидӣ, муттафиқӣ; **~ масс** муттаҳидии оммаҳо

сплочённый, -ая, -ое 1. *прич.* зич (ҷафс, муттаҳид, муттафиқ) кардашуда 2. *прил.* муттаҳид, муттафиқ, якдилона; **~ коллектив** коллективи муттаҳид

сплошать *сов. прост.* хато кардан

сплошн||ой, -ая, -ое 1. яклухт, зич, сар то сар, пурра; **~ая облачность** абрҳои зич; **~ой гранит** хоросанги яклухт 2. *перен. разг.* пурра, том, беҳад, сар то сар; **~ая фантазия** сар то сар муҳобот; **~ая темнота** торикии том; **~ая грамотность** саводнокии пурра; **~ая ложь** дуруғи беҳад

сплошняк *м прост.* яклухт; беканор; анбуҳ; пасиҳам; **пески идут ~ом** ҳама ҷо яклухт регзор аст

сплошь *нареч.* 1. тамоман, комилан, сар то по, сар то сар, бутун; **стены были ~ покрыты афишами** ба деворҳо сар то сар эълонҳо часпонида шуда буд 2. *разг.* пурра, тамоман; **они ~ местные жители** ҳамаи онҳо сокинони маҳаллӣ мебошанд ◇ **~ да рядом, ~ и рядом** аксар вақт, бисьёр вақт аксаран

сплутовать *сов. разг.* ҳила (кардан), фиреб додан, қаллобӣ кардан
сплывать *несов. см.* **сплыть**
сплываться *несов. см.* **сплыться**
сплы||ть *сов. разг.* 1. бо об бурда шудан; **лодка ~ла во время прилива** завраро мавҷи мадд гирифта рафт 2. рехтан, ҷорӣ шуда рафтан; **вода ~ла с грядок** оби ҷуякҳо ҷорӣ шуда рафт; ◇ **был (была, было) да ~л (~ла, ~ло)** *погов.* буду тамом шуд
сплыться *сов. разг.* аралаш шудан; **краски сплылись** рангҳо аралаш шуданд
сплюнуть *сов. что и без доп.* туф кардан
сплюснуть *сов. разг. см.* **сплющить**
сплюснуться *сов. разг. см.* **сплющиться**
сплющенный, -ая, -ое 1. *прич.* маҷақ кардашуда, паҳн кардашуда 2. *прил.* маҷақ, паҳн
сплющивание *с* (*по знач. гл.* **сплющить**) маҷаққунӣ, паҳнкунӣ, тунуккунӣ; (*по знач. гл.* **сплющиться**) маҷақшавӣ, паҳншавӣ, тунукшавӣ
сплющивать *несов. см.* **сплющить**
сплющиваться *несов.* 1. *см.* **сплющиться**; 2. *страд.* маҷақ (паҳн, тунук) карда шудан
сплющить *сов. что* маҷақ (паҳн, тунук) кардан; ~ **ударом** бо зарба маҷақ кардан
сплющи||ться *сов.* маҷақ (паҳн, тунук) шудан; **труба ~лась от удара** қубур аз зарба маҷақ шуд
сплясать *сов. что и без доп. разг.* рақсидан, рақс кардан
сподвижник *м книжн.* ҳамкор, ҳамсаф
сподвижница *женск. к* **сподвижник**
сподобить *сов. кого и с неопр. уст. теперь ирон.* насиб будан
сподобиться *сов. чего и с неопр. уст. теперь ирон.* сазовор (лоиқ, мушарраф) шудан
сподручн||ый, -ая, -ое 1. соз, боб, қулай, мувофиқ; **~ая работа** кори қулай 2. *в знач. сущ.* **сподручный** *м обл.* ёрдамчӣ, дастьёр
спозаранку, спозаранок *нареч. прост.* саҳар, саҳари, аввали пагоҳ; **выехать в поле спозаранку** саҳарӣ ба саҳро баромадан
споить *сов.* 1. *что кому прост.* хуронда сарф кардан; ~ **скоту всю воду** тамоми обро ба чорво хуронда сарф кардан 2. *кого разг.* хуронда маст кардан; аракхур (майхур) кардан
спокойно 1. *нареч.* оромона, осуда; ~ **ждать** босаброна интизор кашидан 2. *в знач. сказ. безл.* ором (тинҷ, осуда) аст; **сегодня кругом** ~ имруз атроф ором аст
спокойн||ый, -ая, -ое (споко|ен, -йна, -йно) 1. ором, тинҷ; **~ая река** дарьёи ором 2. осуда, хотирҷамъ(она), тинҷ, ором(она); **~ый взгляд** нигоҳи хотирҷамъона; **~ая жизнь** ҳаёти осуда; **говорить ~ым тоном** бо оҳанги оромона гап задан; **~ый нрав** феълу хуи ором; **~ый ребёнок** бачаи ором; **~ая работа** кори тинҷ 3. *разг.* роҳат, бароҳат, боб; **~ое кресло** курсии бароҳат; **~ая обувь** пойафзоли боб 4. паст, мулоим; **~ый цвет** ранги паст ◇ **~ая совесть** дили соф (сафед); **будьте ~ы!** хотирҷамъ бошед!; **~ой ночи!** шаб бахайр!, шабатон хуш бод!
спокойстви||е *с* 1. оромӣ, хомушӣ, осудагӣ, осоиш; **в доме царило ~е** дар хона оромӣ ҳукмфармо буд 2. тартиб, осудагӣ; **борьба с нарушителями общественного ~я** мубориза бо вайронкунандагони осудагии ҷамъият 3. хотирҷамъӣ, осудагӣ, осоиш; **олимпийское ~е** тамкин, салобат, савлат; **ради ~я близких** барои осудагии наздикон
спокон: ~ **веку (века, веков)** *уст.* аз азал, аз қадимулайём
споласкивать *несов. см.* **сполоснуть**
споласкиваться 1. *несов. см.* **сполоснуться**; 2. *страд.* чайқонда шудан
сползание *с* (*по знач. гл.* **сползти**) оҳиста фуромадан(и), ғеҷида рафтан(и)
сползать *несов. см.* **сползти**
сползаться *несов. см.* **сползтись**
сползти *сов.* 1. хазида (оҳиста) фуромадан, ғеҷида рафтан; ~ **с кровати** аз кат ғеҷида фуромадан 2. *перен.* аз роҳи рост баромадан, ба тарафе майл кардан, каҷ рафтан
сполз||тись *сов.* хазида омадан, хазида ҷамъ шудан; **к ручью ~лись ужи** морҳои безаҳри обӣ дар лаби ҷуйбор ҷамъ шуданд
сполна *нареч.* пурра, тамоман; **заплатить** ~ пулро пурра додан, пурра пардохтан; **получить деньги** ~ пулро пурра гирифтан
сполоснуть *сов. что* обгардон кардан, чайқондан, покоб кардан; ~ **посуду** зарфро чайқондан
сполоснуться *сов. разг.* шустушӯ кардан, оббозӣ кардан
сполох I *м обл.* 1. (*северное сияние*) фаҷри шимолӣ 2. (*зарница*) шуъла, барқи бераъд
сполох II *м прост. и обл.* (*тревога*) туфаланг, ҳаяҷон, изтироб
сполье *с обл.* (*межа*) рош, марза, ҳад
спондей *м лит.* спондей (*рукни аз ду ҳиҷои дароз иборатбудаи шеър*)
спонтанность *ж книжн.* худ ба худ будан(и)
спонтанн||ый, -ая, -ое *книжн.* ...и худбахудруйдиҳӣ; **~ая гангрена** *мед.* қаросони тадриҷӣ
спор *м* 1. баҳс, мубоҳиса; низоъ, мунокиша; **горячий** ~ баҳси гарму ҷушон; **затеять** ~ мунокиша сар кардан; **разрешить** ~ мунокишаро бартараф кардан 2. *юр.* даъво, низоъ; ~ **о наследстве** даъвои мерос ◇ **~у нет** *вводн. сл.* ҷои баҳс нест, бечуну чаро; **на** ~ гарав (шарт) баста, ба гарав
спора *ж биол.* спора (*ташкилаҳои одатан якҳуҷайрагӣ барои бе таносул афзудан, ки баъзан ба организми мукаммал табдил меёбанд; спораи бактерияҳо имкон медиҳанд, ки онҳо дар шароити номусоид ҳаёт ба сар баранд*)
спорадическ||ий, -ая, -ое гоҳ-гоҳ пайдошаванда, баъзан руйдиҳанда, ғайримунтазам; **~ие приступы боли** гоҳ-гоҳ сар шудани дард
спорадичный, -ая, -ое *см.* **спорадический**
спорангий *м биол.* спорангий, спорадон
спорить *несов. с кем-чем* 1. баҳс (мубоҳиса) кардан, муноэира кардан; ~ **о пустяках** барои дупула гап баҳс; **о вкусах не спорят** *посл.* ≈ ҳар кию, ҳар чӣ 2. *о чём, за что, из-за чего* даъво (низоъ) кардан, ҷанҷол кардан, мунокиша кардан; ~ **из-за наследства** даъвои мерос кардан 3. *перен.* мубориза бурдан, ҷанг кардан; ~ **со стихией** бо қувваи табиат мубориза бурдан 4. *разг.* гарав бастан; **давай** ~, **кто выше прыгнет** биё гарав бандем, ки кӣ баландтар ҷаста метавонад
спорит||ься *несов. прост.* пеш рафтан, барор гирифтан; **дело ~ся** кор пеш меравад
спорность *ж* мубоҳисаомезӣ, ихтилоф будан(и), ҷанҷолӣ будан(и); ~ **вопроса** мубоҳисаомез будани масъала
спорн||ый, -ая, -ое (спор|ен, -на, -но) мубоҳисанок, ихтилофнок, ҷанҷолӣ; **~ое дело** кори мубоҳисанок
споровики *мн.* (*ед.* **споровик** *м*) *зоол.* споровикҳо (*гурӯҳи соддатарини ҷонварони туфайлӣ, ки барангезонандаи бемориҳои сахт мебошанд*)
споров||ый, -ая, -ое *бот.* спорагӣ; **~ые растения** растаниҳои спорагӣ
спорок *м* либоси чок
споролистик *м см.* **спорофилл**
спорость *ж* барорнокӣ, пешрафт, барор гирифтан(и), ҷаққонӣ; ~ **работы** барор гирифтани кор
спороть *сов. что* кандан, чок кардан, канда гирифтан; ~ **воротник** гиребонро кандан
споро||ться *сов.* канда шудан, канда ҷудо шудан; **пуговицы ~лись** тугмаҳо канда шуданд
спорофилл *м бот.* спорофилл (*барги растаниҳои олии спорагӣ, ки дар он спораҳо инкишоф меёбанд*)
спорт *м* варзиш, спорт; **водный** ~ варзиши обӣ; **гребной** ~ варзиши завракронӣ; **массовый** ~ варзиши оммавӣ; **заниматься ~ом** бо варзиш машғул шудан
спорт= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «спорт»:* **спортзал** зали спорт
спортивн||ый, -ая, -ое ...и варзиш, спортӣ, ...и спорт; **~ые игры** бозиҳои спортӣ; **~ый зал** зали спорт; **~ая обувь** пойафзоли спортӣ ◇ **из ~ого интереса** барои кунҷковӣ
спортплощадка *ж* майдончаи варзиш
спортсмен *м* варзишгар
спортсменка *женск. к* **спортсмен**
спорттовары *мн.* молҳои спорт
спорхну||ть *сов.* парида фуромадан;

птица ~**ла с дерева** парранда аз дарахт парида фуромад

спорщик *м разг.* ҷанҷолчӣ

спорщица *женск. к* **спорщик**

спор||ый, -ая, -ое *разг.* 1. *(о работе)* бобарор, фоиданок; ~**ое дело** кори бобарор 2. *обл. (о человеке)* чаққон, чобук, чуст 3. *прост.* бобарака; ~**ая мука** орди бобарака

спорынья *ж бот.* қаромуғ

способ *м* тариқ, тариқа, усул, услуб, тарз, роҳ; ~ **изготовления** тарзи тайёркунӣ; ~ **производства** *эк.* усули истеҳсолот; ~ **термической обработки** тарзи коркарди термикӣ; ~ **употребления** роҳи истифодабарӣ; **новым** ~**ом** бо роҳи нав; **любым** ~**ом** бо ҳар роҳе, бо ҳар тарзе, ки бошад; **испробовать все** ~**ы** тамоми роҳҳоро озмудан

способност||ь *ж* 1. қобилият; ~**ь двигаться** қобилияти ҳаракаткунӣ; **покупательная** ~**ь** *эк.* қобилияти харидорӣ; **пропускная** ~**ь** имконияти гузаронандагӣ; ~**ь тел сжиматься от холода** қобилияти аз хунукӣ фишор хурдани ҷисмҳо 2. *чаще мн.* **способности** қобилият, истеъдод, ҳунар; **музыкальные** ~**и** қобилияти мусиқӣ; **у него большие** ~**и** у хеле қобилиятнок аст; **от каждого по** ~**и** аз ҳар кас мувофиқи қибилияташ

способн||ый, -ая, -ое (способ|ен, -на, -но) 1. қобил, моҳир; ~**ый к труду гражданин** гражданини қобили меҳнат; **бригада** ~**а вдвое сократить сроки работы** бригада қобил аст муҳлати иҷрои корро ду баробар кам кунад 2. қобилиятдор, боистеъдод, боҳунар; ~**ый музыкант** мусиқачии боистеъдод; ~**ый ребёнок** бачаи қобилиятдор

способствовать *несов. кому-чему* мусоидат кардан, мусоид будан, кумак (ёрмандӣ, мадад) кардан; ~ **делу мира** ба кори сулҳ кумак расондан; ~ **выполнению плана** ба иҷрои план мусоидат кардан; ~ **прогрессу** ба пешрафт мусоидат кардан; ~ **развитию болезни** сабаби инкишофи бемори шудан

споспешествовать *несов. уст. книжн.* мусоидат (муовинат) кардан

споткнуться *сов.* 1. *обо что* дакка хурдан, пешпо хурдан; ~ **о камень** ба санг дакка хурдан 2. *на чём перен.* дармондан, мушкилӣ дидан; ~ **на непонятном слове** дар калимаи нофаҳмо дармондан 3. *перен. разг. (допустить ошибку в жизни)* хато кардан

спотыкаться *несов.* 1. *см.* **споткнуться**; 2. *перен. разг.* дармонда гап задан, дармонда хондан

спотыкнуться *сов. см.* **споткнуться**

спохватиться *сов. разг.* якбора ба хотир овардан, ҳушьёр шудан, хатои худро фаҳмидан; ~ **своевременно** дар вақташ ҳушьёр шудан, хатои худро дар вақташ фаҳмидан

спохватываться *несов. см.* **спохватиться**

справа *нареч.* аз рост, аз тарафи дасти рост, дар тарафи рост; ~ **тянулись леса** дар тарафи дасти рост ҷангалҳо паҳн шуда буданд; **сядьте** ~ дар тарафи рост шинед; ~ **налево** аз [тарафи] рост ба [тарафи] чап

справедливо *нареч.* одилона, бо адолат, боинсофона, аз руи инсоф, инсофан; **действовать** ~ аз руи инсоф рафтор кардан

справедливост||ь *ж* адолат, ҳаққоният; инсоф; **социальная** ~**ь** адолати иҷтимоӣ; ~**ь решения** ҳаққонӣ будани қарор; одилона будани ҳукм; **соблюдать** ~**ь** аз руи инсоф рафтор кардан; **чувство** ~**и** ҳисси адолат ◇ **отдать** ~**ь кому-л.** ба қадри кори (хизмати) касе расидан

справедлив||ый, -ая, -ое (справедлив, -а, -о) одил(она), ҳаққонӣ, адолатнок, боинсоф; ~**ое решение** ҳукми одилона; ~**ый поступок** кирдори ҳаққонӣ; ~**ое замечание** эроди дуруст; ~**ые требования** талаботи ҳаққонӣ

справить *сов. что разг.* 1. гузарондан, кардан; ~ **свадьбу** туи никоҳ кардан 2. *прост.* харидан, дӯзондан, созондан, тараддуд кардан; ~ **себе костюм** барои худ костюм дузондан 3. *прост.* дуруст (ислоҳ) кардан

справиться *сов.* 1. *с чем* аз уҳдаи коре баромадан, ягон корро саришта кардан; ~ **с заданием** аз уҳдаи иҷрои супориш баромадан; **он справился с поручением** вай аз уҳдаи иҷрои супориш баромадааст 2. *с кем-чем* ғолиб омадан, зур баромадан; ~ **с противником** бар душман ғолиб омадан; ~ **с болезнью** нағз шуда хестан 3. *о ком-чём* пурсидан, маълумот гирифтан, муроҷиат кардан; ~ **в энциклопедии** ба энциклопедия муроҷиат кардан; ~ **о расписании поездов** тартиби ҳаракати поездҳоро пурсидан

справк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **справиться** 3) хабаргирӣ, пурсиш, маълумотгирӣ; **потерять время на** ~**у** ба хабаргирӣ вақт сарф кардан 2. маълумот, справка; **навести** ~**у** маълумот гирифтан; **обратиться за** ~**ой** маълумот пурсидан; **получить** ~**у** маълумот гирифтан 3. справка; ~**а с места работы** справкаи аз ҷои кор; ~**а о состоянии здоровья** справкаи саломатӣ

справлять *несов. см.* **справить**

справляться *несов.* 1. *см.* **справиться** 2. аз уҳдаи коре баромада шудан; ғолиб омада шудан; пурсида шудан

справочник *м* маълумотнома; **железнодорожный** ~ маълумотномаи роҳи оҳан; **медицинский** ~ маълумотномаи тиббӣ; ~ **по химии** маълумотномаи химия

справочно-информационн||ый, -ая, -ое маълумоту ахбордиҳӣ; ~**ая литература** адабиёти маълумоту ахбор

справочн||ый, -ая, -ое ...и маълумот, ...и справка; ~**ое бюро** бюрои справкадиҳӣ; ~**ая книга** маълумотнома

спрашивать *несов. см.* **спросить**

спрашива||ться *несов.* 1. *см.* **спроситься**; 2. *3 л. ед. ч. наст. вр. безл.* **спрашивается** *в знач. вводн. сл.* савол пайдо мешавад; ~**ется, сколько дней нужно для завершения работы?** савол пайдо мешавад, ки барои ба анҷом расидани кор чанд руз лозим аст?

спрессованный, -ая, -ое 1. *прич.* сахт кардашуда, мангана кардашуда 2. *прил.* манганашуда

спрессовать *сов. что* сахт кардан, мангана кардан *(бо фишори чизе)*

спрессова||ться *сов.* сахт шудан, мангана шудан *(аз фишори чизе)*; **песок** ~**лся** рег сахт шудааст

спрессовывать *несов. см.* **спрессовать**

спрессовываться *несов.* 1. *см.* **спрессоваться**; 2. *страд.* сахт карда шудан, мангана карда шудан *(аз фишори чизе)*

спринт *м спорт.* спринт *(ба масофаи наздик тохтан)*

спринтер *м спорт.* спринтер *(варзишгаре, ки ба масофаи наздик медавад)*

спринтерск||ий, -ая, -ое *спорт.* ...и спринт, спринтӣ; спринтерӣ, ...и спринтер; ~**ие способности** қобилияти спринтерӣ

спринцевание *с (по знач. гл.* **спринцевать**) таҳорат, тамиз *(одатан ба воситаи обдуздак)*

спринцевать *несов. кого-что* таҳорат (тамиз) кардан

спринцеваться *несов.* 1. таҳорат (тамиз) шудан 2. *страд.* таҳорат (тамиз) карда шудан

спринцовка *ж* 1. *см.* **спринцевание**; 2. обдуздак

спровадить *сов. кого-что прост.* пеш кардан, аз сар дур кардан, дафъ кардан; ~ **детей погулять** бачаҳоро ба сайр фиристодан

спроваживать *несов. см.* **спровадить**

спроворить *сов. что прост.* чолокона (чобукона) коре кардан

спровоцировать *сов.* 1. *что* таҳрик кардан, барангехтан, ангезондан, ангехтан; ~ **драку** занозаниро ангехтан 2. *кого на что* иғво додан (кардан), фитна ангехтан 3. *мед., с.-х.* ба вуҷуд овардан

спроектировать *сов. что* тарх кашидан, лоиҳа сохтан; ~ **здание клуба** лоиҳаи бинои клубро тартиб додан

спрос *м эк.* талаб, талабот, эҳтиёҷ; **большой** ~ **на учебники** талаботи калон ба китобҳои дарсӣ; ~ **и предложение** талаботу пешниҳод; **не иметь** ~**а** харидор надоштан ◇ **без** ~**а** (~**у**) бе иҷозат, бе рухсат, напурсида

спросить *сов.* 1. *кого-что* пурсидан, савол додан; ~ **который час** соат чанд гуфта пурсидан; ~ **о книге** дар бораи китоб пурсидан; **он спросил меня о здоровье** вай саломатиамро пурсид 2. *что, чего* пурсидан, муроҷиат кардан; ~ **совета** маслиҳат пурсидан; ~ **разрешения** рухсат пурсидан 3. *с кого разг.* талабидан, талаб кардан, ситондан; ~ **со сторожа** аз посбон талаб кардан 4. *кого* ҷеғ задан, пурсидан; ~ **ученика** аз талаба пурсидан

спроситься *сов.* 1. *у кого-чего разг.* иҷозат (рухсат) гирифтан, пурсидан;

~ у родителей аз падару модар рухсат гирифтан; уехать, **не спросясь** рухсат нагирифта баромада рафтан 2. *безл.* **спросится** *с кого разг.* талабида мешавад, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад; **с него спросится за перерасход материалов** вай барои барзиёд сарф кардани масолех ба ҷавобгарӣ кашида мешавад 3. *уст. и прост. см.* **спросить** 1, 2

спросонок *нареч. разг.* хобу хоболуд; ~ **он не мог понять, где находится** хобу хоболуд вай куҷо будаашро намедонист

спросонья *нареч. прост. см.* **спросонок**

спроста *нареч. разг.* 1. соддадилона; ~ **задать неподходящий вопрос** соддадилона саволи номуносиб додан 2. *(случайно)* ҳамту, тасодуфан

спрут *м зоол.* ҳаштпо

спрыгивать *несов. см.* **спрыгнуть**

спрыгнуть *сов. с чего* паридан, ҷаста фуромадан; ~ **с крыши** аз бом ҷаста фуромадан

спрыскивать *несов. см.* **спрыснуть**

спрыскиваться 1. *несов. см.* **спрыснуться**; 2. *страд.* пошида шудан

спрыснуть *сов. что* 1. пошидан; ~ **бельё перед глаженьем** ба либос пеш аз уттӣ кардан об пошидан 2. *перен. прост. шутл.* май нушидан, майхурӣ кардан; ~ **покупку** ба шарафи харид майхурӣ кардан

спрыснуться *сов. разг.* ба худ пошидан; ~ **духами** ба худ атр пошидан (задан)

спрягать *несов. что грам.* тасриф кардан; ~ **глагол** феълро тасриф кардан

спряга||ться *несов. грам.* 1. тасриф шудан; **этот глагол** ~**ется не по правилам** ин феъл аз рӯи қонда тасриф намешавад 2. *страд.* тасриф [карда] шудан

спряжени||е *с грам.* 1. (*по знач. гл.* **спрягать**) тасрифкунӣ, тасриф; **таблица** ~**я** ҷадвали тасриф; **формы** ~**я** шаклҳои тасриф

спрямить *сов. что* рост кардан *(чизи каҷро)*; ~ **дорогу** роҳро рост кардан

спрямление *с* 1. (*по знач. гл.* **спрямить**) рост кардан(и); 2. ҷои ростшуда; ~ **дороги** ҷои ростшудаи роҳ

спрямлять *несов. см.* **спрямить**

спрямляться *несов. страд.* рост карда шудан

спрясть *сов. что* ресидан, рештан; ~ **моток шерсти** як калоба ресмони пашмин ресидан

спрятать *сов. кого-что* 1. пинҳон (руст) кардан, ниҳон (пушида) доштан; ~ **деньги в шкаф** пулро дар шкаф ниҳон доштан 2. *разг.* [ба] ҷо кардан, ғундоштан; **спрячь ложки в стол** қошуқҳоро дар қуттии стол ғундор 3. *разг.* пушидан, руст кардан; ~ **лицо в платок** рӯи худро бо рӯймол пушидан

спрята||ться *сов.* 1. худро пинҳон кардан, пинҳон шудан, руст шудан, ҷо шудан; **дети** ~**лись в овраге** бачаҳо дар ҷарӣ ҷо шуданд 2. ғоиб (нонамоён, пушида) шудан; **солнце** ~**лось за тучи** офтоб дар паси абрҳои сиёҳ ғоиб шуд ◇ ~**ться в кусты** ба мушхона ҷо шудан

спугивать *несов. см.* **спугнуть**

спугнуть *сов. кого-что разг.* тарсонда гурезондан, рамондан, хусондан; ~ **детей** бачаҳоро тарсонда гурезондан; ~ **оленя** гавазнро рамондан; ~ **молчание** *перен.* хомуширо якбора вайрон кардан

спуд *м*: **под** ~**ом** *(без применения)* кор нафармуда, бекор; **держать** *что-л.* **под** ~**ом** чизеро кор нафармудан, чизеро бекор нигоҳ доштан; **из-под** ~**а** *(из забвения)* ба хотир овардан; **извлечь свои знания из-под** ~**а** дониши худро ба хотир оварда ба кор бурдан

спурт *м спорт.* авҷ, шаст *(мас. дар лыжатозӣ)*

спуск *м* 1. (*по знач. гл.* **спустить** 1, 2, 3) фурориш, фуровардан(и); сардиҳӣ; равонакунӣ, фиристодан(и); (*по знач. гл.* **спуститься** 1, 4) фуромадан(и), бапоёнфуроӣ; поён рафтан(и); ~ **в шахту** 1) ба шахта фуромадан(и); 2) фуромадгоҳи шахта; ~ **корабля на воду** ба об фуровардани киштӣ; ~ **флага** фуровардани байрақ 2. нишеб, фуромадгоҳ, нишебӣ; **крутой** ~ нишебии рост фуромада; **пологий** ~ нишеби пастхам 3. *воен.* камонаки милтиқ 4. *полигр.* фуровард *(ҷои холии саҳифа пеш аз сарлавҳа)* 5. *полигр.* саҳифабандӣ ◇ **не давать** ~**у** *кому* гузашт накардан, беҷазо намонондан

спускать *несов. см.* **спустить** ◇ **не** ~ **глаз с кого-чего-л.** 1) *(смотреть)* чашм накандан аз касе, чизе 2) *(пристально следить)* синча кардан

спускаться *несов.* 1. *см.* **спуститься**; 2. *страд.* фуроварда шудан; фиристода шудан; сар дода шудан; бохта шудан; бахшида шудан

спускной, -ая, -ое ...и фурориш, ...и сардиҳӣ; ~ **люк** равзани фурориш

спусковой, -ая, -ое *воен.* ...и камонаки милтиқ; ~ **механизм** механизми камонаки милтиқ

спустить *сов.* 1. *кого-что* фуровардан; ~ **флаг** байрақро фуровардан; ~ **альпинистов с горы** кӯҳнавардонро аз кӯҳ фуровардан 2. *что* фуровардан, ба об фуровардан; ~ **судно** киштиро ба об фуровардан 3. *кого-что* сар додан; ~ **воду из арыков** обро аз ҷӯйҳо сар додан; ~ **на ночь собаку** сагро шабона аз занҷир сар додан; ~ **курок** кулангро сар додан 4. *что перен.* фиристодан, равона кардан 5. *что, чего кому-чему разг.* авф кардан, бахшидан, гузаштан, гузашт кардан; ~ **шалость** шухиро бахшидан; **этого я ему не спущу** ман аз ин гуноҳаш намегузарам 6. *что перен. разг.* сарф (харҷ) кардан; ~ **всю зарплату** тамоми маошро сарф кардан 7. *что перен. разг.* аз гушт фуромадан, хароб шудан, лоғар шудан; ~ **пять килограммов** панҷ кило хароб шудан 8. *без доп.* холӣ шудан; **шина спустила** шина холӣ шуд ◇ ~ **с лестницы** *прост.* аз хона ҳай кардан; ~ **спустя рукава** бо дили ноҳоҳам; **работать спустя рукава** бо дили ноҳоҳам кор кардан; ~ **в трубу** бар бод додан; ~ **шкуру** *с кого прост.* сахт задан (кубидан), лат кардан

спусти||ться *сов.* 1. фуромадан, ба поён фуромадан (рафтан); ~**ться с лестницы** аз нардбон фуромадан; **самолёт** ~**лся** самолёт фуромад; ~**ться по эскалатору** бо эскалатор ба поён фуромадан 2. афтидан, ғеҷида афтидан; **волосы** ~**лись на глаза** муйҳо ба чашм фуромад 3. *перен.* фаро гирифтан, пахш кардан; **ночь** ~**лась на землю** торикии шаб заминро фаро гирифт 4. шинокунон поён рафтан; ~**ться по реке на лодке** бо завраҷ ба поёни дарьё шино кардан 5. паст (кам) шудан; **температура** ~**лась** ҳарорат паст шуд

спустя *предлог с вин.* баъд аз, баъд, баъд аз чанде, баъди...; ~ **несколько лет** баъд аз чанд сол; ~ **час** баъд аз як соат

спутанн||ый, -ая, -ое чигил, печ дар печ; дарҳам-барҳам; пахмок, ҷулида; ~**ые волосы** муи пахмок

спутать *сов.* 1. *что* чигил (печ дар печ, бетартиб, дарҳам-барҳам) кардан, аралаш кардан; ~ **нитки** ресмонро чигил кардан; ~ **страницы** саҳифаҳоро аралаш кардан 2. хато фаҳмидан, иштибоҳ кардан, фарқ карда натавонистан; ~ **расписание занятий** ҷадвали дарсро хато фаҳмидан; **я его спутал с приятелем** ман уро аз рафиқаш фарқ карда натавонистам 3. *кого* саросема кардан, аз роҳ задан, саргаранг кардан; ~ **трудными вопросами** бо саволҳои мушкил саргаранг кардан 4. *кого-что* ишкел андохтан, кишанг кардан; ~ **лошадей** ба пои аспҳо кишанг задан ◇ ~ **(смешать) [все] карты кого-л., чьи-л., кому-л.** кори касеро чатоқ кардан; ~ **по рукам и [по] ногам кого-л.** дасту пои касеро бастан

спута||ться *сов.* 1. чигил (печ дар печ, бетартиб, титупит) шудан; **волосы** ~**лись** муйҳо пахмоқ шуданд 2. *перен.* дарҳам-барҳам шудан; **мысли** ~**лись** фикр дарҳам-барҳам шуд 3. *перен.* сару нуги кореро гум кардан, саросема шудан, гапро гум кардан; ~**ться в решении задачи** сару нуги ҳалли масъаларо гум кардан

спутник *м* 1. ҳамроҳ, ҳамсафар; **весёлый** ~ ҳамроҳи шоддил; ~ **жизни** *перен.* ҳамсар, шавҳар 2. *перен.* ҳомил; **муха** — ~ **инфекции** пашша ҳомили касалиҳои сироятист 3. *астр.* радиф, спутник; **Луна** — ~ **Земли** Моҳ ҳамроҳи Замин мебошад; **искусственные** ~**и Земли** радифҳои масуъии Замин; **метеорологический** ~ радифи обуҳавосанҷӣ

спутников||ый, -ая, -ое радифӣ; ~**ая система связи** системаи радифии алоқа

спутница *женск. к* **спутник** 1, 2

спутывать *несов. см.* **спутать** 1, 4

спу́тываться *несов.* 1. *см.* **спу́таться** 1, 3; 2. *страд.* чигил (аралаш) карда шудан; ишкел карда шудан

спья́на, спья́ну *нареч. разг.* дар ҳолати мастӣ, мастомаст; **упа́сть** ~ дар ҳолати мастӣ ғалтидан

спя́тить *сов. прост.*: ~ **с ума́** ақли худро хӯрдан, девона шудан

спя́чка *ж* 1. *(у животных)* хоб, хобкунӣ; **зимняя** ~ хоби зимистонӣ 2. *разг.* хоболудӣ; **на него́ напа́ла** ~ вай хоболуд шудааст 3. *перен. разг.* карахтӣ

спя́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* хобанда 2. *прил.* хобида, хобидагӣ, хуфта; ~**ие** де́ти бачаҳои хобидагӣ; ~**ая краса́вица** *фольк.* нозанини хуфта

сраба́тывать *несов. см.* **срабо́тать**

сраба́тываться I *несов. см.* **срабо́таться** I

сраба́тываться II *несов. см.* **срабо́таться** II

срабо́танность I *ж (согласованность)* мувофиқат

срабо́танность II *ж (изношенность)* хурдашавӣ, судашавӣ, азкорбарой; ~ **деталей** хӯрдашавии қисмҳо

срабо́танн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* сохташуда, тайёр кардашуда 2. *прил.* хӯрдашуда, судашуда, аз кор баромада; ~**ое** **ле́звие** теғи хурдашуда

срабо́тать *сов. что прост.* сохтан, тайёр кардан; ~ **табуре́тку** курсӣ сохтан

срабо́та||ться I *сов.* мувофиқат пайдо кардан, ба ҳамкории касе одат кардан, ба ҳамдигар унс пайдо кардан *(дар коре)*; **они́ хорошо́** ~**лись** онҳо ба ҳамдигар хуб унс пайдо карданд

срабо́та||ться II *сов. (износиться)* хурда шудан, суда шудан, аз кор баромадан; **мото́р** ~**лся** мотор аз кор баромад

сравне́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **сравни́ть***)* муқоисакунӣ, қиёскунӣ, таққоскунӣ, андозакунӣ; ~**е те́кста с по́длинником** бо нусхаи аслӣ муқоисакунӣ; **вне** ~**я** берун аз қиёс 2. муқоиса, қиёс, ташбеҳ; **уда́чное** ~**е** муқоисаи (ташбеҳи) дуруст ◇ **сте́пени** ~**я прилага́тельных** *грам.* дараҷаҳои қиёсии сифат; **[ни] в [како́е]** ~**е не идёт, не поддаётся никако́му** ~**ю, нет (не мо́жет быть)** ~**я** ин бо ҳеҷ чиз қиёс надорад, ин ҳеҷ қобили қиёс нест; **тако́й посту́пок не идёт в** ~**е ни с чем** ин кирдорро бо ҳеҷ чиз муқоиса кардан мумкин не; **в** ~**и с ке́м-че́м-л., по** ~**ю с ке́м-че́м-л.** нисбат ба касе чизе; **по** ~**ю с про́шлым го́дом** нисбат ба порсола

сра́внивать I *несов. см.* **сравнить**

сра́внивать II *несов. см.* **сравнять**

сра́внивать III *несов. см.* **сровня́ть**

сра́вниваться I *несов. страд.* муқоиса (қиёс, таққос, андоза) карда шудан

сра́вниваться II *несов. страд.* баробар (ҳамвор, тахт) карда шудан

сра́вниваться III *несов. см.* **сровня́ться**

сравни́мый, -ая, -ое муқоисашаванда, қиёспазир; **ни с чем не** ~ бесобиқа, беназир

сравни́тельно *нареч.* 1. *с кем-чем* нисбат ба..., назар ба...; ~ **с про́шлым го́дом** нисбат ба порсол 2. нисбатан, қиёсан; **ночь прошла́** ~ **споко́йно** шаб нисбатан ором гузашт; **сего́дня** ~ **тепло́** имруз ҳаво нисбатан гарм аст; **мы уе́дем** ~ **ско́ро** мо нисбатан зуд меравем

сравни́тельно-истори́ческий, -ая, -ое муқоисавии таърихӣ; ~ **ме́тод** методи муқоисавии таърихӣ

сравни́тельн||ый, -ая, -ое 1. муқоисавӣ, қиёсӣ, ...и муқоисакунӣ; ~**ая анато́мия** анатомияи муқоисавӣ 2. *грам.* қиёсӣ; ~**ая сте́пень** дараҷаи қиёсӣ; ~**ый союз** пайвандаки қиёсӣ 3. қиёсӣ; ~**ые да́нные** маълумоти қиёсӣ 4. нисбӣ; ~**ые успе́хи** комьёбиҳои нисбӣ

сравни́ть *кого-что с кем-чем* 1. муқоиса (қиёс, андоза) кардан, таққос кардан; ~ **два перево́да** ду (хел) тарҷумаро муқоиса кардан 2. баробар кардан; **э́ти кни́ги нельзя́** ~ ин китобҳоро баробар кардан мумкин нест

сравни́ться *сов. с кем-чем* баробар омадан (шудан); **ничто́ не мо́жет** ~ **с его пе́нием** ҳеҷ як хониш бо хониши у баробар шуда наметавонад; **с ним никто́ не сравни́тся** бо вай ҳеҷ кас баробар шуда наметавонад

сравня́||ть *сов. кого-что с кем-чем* баробар (як) кардан; **жизнь всех** ~**ла** ҳаёт хама касонро баробар кардааст

сравня́ться *сов. с кем-чем* баробар (як) шудан

сража́ть *несов. см.* **срази́ть**

сража́ться *несов.* 1. ҷанг кардан (бурдан), ҷангидан, ҳарбу зарб кардан; ~ **с враго́м** бо душман ҷангидан 2. *перен.* мубориза бурдан 3. *разг.* бо шавқ (бо саргармӣ) бозӣ кардан, ҳарбу зарб кардан; ~ **в ша́хматы** бо шавқ шоҳмотбозӣ кардан

сраже́ние *с* ҷанг, муҳориба, ҳарбу зарб, корзор; **генеральное** ~ ҳарбу зарби калон; **дать** ~ ҷанг кардан; **вы́играть** ~ дар ҷанг ғолиб баромадан, ҷангро бурдан; **проигра́ть** ~ ҷангро бохтан

срази́||ть *сов. кого-что* 1. *уст.* куштан, афтондан, ҳалок кардан; **пу́ля** ~**ла вса́дника** тир савораро ҳалок кард 2. *перен.* хароб кардан, аз саф (аз қатор) баровардан; **его́** ~**ла боле́знь** уро касалӣ аз қатор баровард 3. *перен.* маҳву мот кардан; **нас** ~**ло изве́стие о сме́рти дру́га** хабари марги дустамон моро маҳву мот кард

срази́ться *сов. см.* **сражаться**

сра́зу *нареч.* 1. якбора, дафъатан, дарҳол, зуд, фавран; ~ **поня́ть, в чём де́ло** сурати воқеаро дарҳол фаҳмидан; **он** ~ **отве́тил на телегра́мму** вай ба телеграмма фавран ҷавоб дод; **он проглоти́л лека́рство и** ~ **же запи́л его́ водо́й** вай доруро фуру бурду аз болояш об нушид 2. якбора, дар айни вақт; **он** ~ **и писа́л, и слу́шал ра́дио** вай дар айни вақт ҳам хат менавишт, ҳам радиоро гуш мекард

срам *м разг.* 1. нанг, шармандагӣ, расвой 2. *в знач. сказ.* нанг аст, айб аст; **како́й** ~! чӣ нанг аст!; **стыд и** ~! нангу расвой!

срами́ть *сов. кого-что разг.* шарманда (шармсор, расво) кардан, хиҷолатманд (беобру) кардан; ~ **своё и́мя** номи худро расво кардан; ~ **кого́-л. при посторо́нних** касеро дар ҳузури бегонагон беобру кардан

срами́ться *несов. разг.* шарманда шудан, худро шарманда кардан, обруи худро резондан, расво шудан; ~ **пе́ред окружа́ющими** дар назди мардум шарманда шудан

срамни́к *м прост.* беҳаё, бешарм

срамни́ца *женск. к* **срамни́к**

срамно́й, -ая, -ое *прост.* аз одоб берун, ношоиста, беадабона

срамота́ *ж прост.* шармандагӣ, расвоӣ, беҳаёӣ, бешармӣ

среста́ние *с (по знач. гл.* **срасти́сь***)* пайвандшавӣ, пайвастшавӣ, васлшавӣ; ~ **косте́й** пайвастшавии устухонҳо

среста́ться *несов. см.* **срасти́сь**

срасти́сь *сов.* 1. пайванд (пайваст, васл) шудан; **перело́манная кость хорошо́ сросла́сь** устухони шикаста ба хубӣ пайваст шудааст 2. *(сродниться, сжиться)* одат кардан

срасти́ть *сов. что* 1. пайванд (пайваста) кунондан; ~ **сло́манную кость** устухони шикастаро пайванд кунондан 2. пайваст (пайванд, васл) кардан; ~ **два куска верёвки** ду порча арғамчинро пайваст кардан

саще́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **срасти́сь***)* пайвандшавӣ, пайвастшавӣ, васлшавӣ; ~ **перелома** пайвастшавии устухони шикаста; *(по знач. гл.* **срасти́ть***)* васлкунӣ, пайвасткунӣ, пайвандкунӣ; ~ **проводо́в** васлкунии симҳо 2. *тех., мед.* ҷои пайваст ◇ **фразеологи́ческое** ~ *лингв.* ибора, ибораи рехта

сра́щивание *с* 1. *(по знач. гл.* **срасти́ть***)* пайвандкунӣ, пайвасткунӣ, васлкунӣ; ~ **сосу́дов** пайвандкунии рагҳо 2. *перен.* якшавӣ, муттаҳидшавӣ

сра́щивать *несов. см.* **срасти́ть**

сра́щиваться *несов. страд.* пайванд (пайваст, васл) карда шудан

сре́бреник *м уст.* танга, пули майдаи нуқрагин ◇ **за тридцать** ~**ов прода́ть (преда́ть)** хиёнат (хоинӣ) кардан *(киноя аз хиёнати ривояти Яҳудо, ки Исоро ба сӣ танга фурухта будааст)*

сребри́стый, -ая, -ое *уст. поэт. см.* **серебри́стый**

сребри́ть *несов. что уст. поэт. см.* **серебрить** 2

сребри́ться *несов. уст. поэт. см.* **серебри́ться**

сребро́ *с уст. поэт. см.* **серебро́**

сре́бро- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «нуқра, нуқрагин»*: **сребролю́бивый** пулпараст(она); **среброно́сиость** нуқрадорӣ

сребролю́бец *м уст. книжн.* пулпараст

сребролюби́вый, -ая, -ое пулпараст(она)

сребролю́бие *с уст. книжн.* пулпарастӣ

среброно́сиость *ж геол.* нуқрадорӣ

среброно́сн||ый, -ая, -ое (сребронó|-сен, -сна, -сно) *геол.* нуқрадор; **~ая поро́да** маъдани нуқрадор

сред||á I *ж* 1. муҳит; фазо; **возду́шная ~á** фазо; **пита́тельная ~á** *биол.* муҳити ғизо; **~á обитания** муҳити ҳаёт 2. муҳит; **истори́ческая ~á** муҳити таърихӣ; **окружа́ющая ~á** атроф, муҳити атроф; **приро́дная ~á** муҳити табиӣ; **сопротивле́ние ~ы́** *физ.* муқовимати муҳит 3. доира, байн; **в на́шей ~é** дар доираи мо; **в ~é окружа́ющих** дар байни атрофиён; **подня́ться вы́ше свое́й~ы́** аз доираи худ болотар баромадан

средá II *ж (день недели)* чоршанбе, рузи чоршанбе

среди́ (средь) *предлог с род.* 1. дар миёнаҷои..., дар миёни..., дар байни..., дар нисфи...; **~ цветника́ бьёт фонта́н** дар миёнаҷои гулистон об фаввора мезанад; **он встал ~ но́чи** у дар нисфи шаб бедор шуд 2. дар байни..., дар миёни...; **~ его́ друзе́й есть хоро́шие певцы́** дар байни дустонаш ҳофизони хубе ҳастанд; **~ э́тих книг я нашёл о́чень интере́сное изда́ние** дар миёни ин китобҳо ман китоби хеле шавқоваре ёфтам ◇ **~ (средь) бе́ла дня** дар рузи равшан

средиземномо́рск||ий, -ая, -ое баҳримиёназаминӣ; **~ие госуда́рства** давлатҳои баҳримиёназаминӣ; **~ая культу́ра** маданияти кишварҳои баҳримиёназаминӣ; **~ая фа́уна** фаунаи баҳримиёназаминӣ

Средиземномо́рье *с* Минтақаи баҳри Миёназамин

среди́на *ж уст. см.* **середи́на**

среди́нный, -ая, -ое *уст. см.* **середи́нный**

сре́дие *нареч. разг.* миёна, як навъ; **на экза́мене он отвеча́л ~** дар вақти имтиҳон ҷавобҳои у як навъ буданд

средне- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад:* 1) *миёнаҷоро* — **Среднеру́сская возвы́шенность** Баландиии Русн Миёна 2) *давраи миёнаи чизе* — **среднеперси́дский язы́к** забони форсии давраи миёна 3) *нормаи миёнаи чизе* — **среднесу́точный** ...и якшабонаруза

среднеазиа́тск||ий, -ая, -ое ...и Осиёи Миёна, осиёмиёнагӣ; **~ие респу́блики** республикаҳои Осиёи Миёна

средневеко́вый, -ая, -ое ...и асрҳои миёна, асримиёнагӣ

средневеко́вье *с ист.* асрҳои миёна; **ра́ннее ~** аввалҳои асрҳои миёна; **по́здиее ~** охирҳои асрҳои миёна

средневозрастно́й, -а́я, -о́е ...и синни миёна

среднегодов||о́й, -а́я, -о́е солона ба ҳисоби миёна; **~а́я температу́ра** ҳарорати солона ба ҳисоби миёна

среднеевропе́йский, -ая, -ое ...и Европаи Миёна

среднеме́сячный, -ая, -ое якмоҳа ба ҳисоби миёна; **~ за́работок** музди якмоҳа ба ҳисоби миёна

среднеиёбный, -ая, -ое *лингв. см.* **среднеязы́чный**

среднеперси́дский, -ая, -ое ...и форсии давраи миёна; **~ язы́к** забони форсии давраи миёна

среднесу́точн||ый, -ая, -ое ...и шабонарузӣ ба ҳисоби миёна; **~ая температу́ра** ҳарорати шабонарузӣ ба ҳисоби миёна

среднеязы́чн||ый, -ая, -ое *лингв.* миёнизабонӣ; **~ые согла́сные** ҳамсадоҳои миёнизабонӣ

сре́дн||ий, -яя, -ее 1. миёна, мобайнӣ; **~ий эта́ж** қабати мобайни; **~яя сестра́** хоҳари миёна; **~ее тече́ние реки́** ҷараёни миёнаи дарьё 2. миёна; **~ий во́зраст** синни миёна, ...и миёнасол; **мужчи́на ~его ро́ста** марди миёнақад 3. *перен. разг.* одмиёна; **~ие спосо́бности** қобилияти одмиёна; **~ее ка́чество** сифати одмиёна 4. миёна; **~яя величина́** андозаи миёна; **~яя при́быль** фоидаи чизе ба ҳисоби миёна; **~яя сто́имость** арзиши миёна; **~ий за́работок** музди миёна; **~яя ско́рость** суръати миёна 5. миёна, тахминӣ; **~ие ци́фры** рақамҳои миёна 6. *грам.* миёна; **~ий род** ҷинси миёна; **~ий зало́г** гуруҳи феълҳои монда ◇ **~ее арифмети́ческое** адади миёнаи арифметикӣ; **~их лет** миёнсол; **~ее образова́ние** маълумоти миёна; **~ий па́лец** ангушти миёна; **~ей руки́** миёна, миёнахел; **в ~ем** ба ҳисоби миёна; **вы́ше ~его** аз миёна боло; **ни́же ~его** аз миёна паст; **не́что ~ее** на ину на он, миёна, як навъ; **~ее у́хо** *анат.* қисми пушти пардаи гуш; **исто́рия ~их веко́в** таърихи асрҳои миёна

сре́дник *м* 1. миёндарн *(тахтаи миёнаи тиреза ё дар)* 2. *полигр.* фосила *(ҷойҳои холии мобайни сутуни газета ё журнал)*

средосте́ние *с анат.* мнёндевора

средото́чие *с* марказ, нуқтаи миёна; **~ культу́ры** маркази маданият; **~ тяжёлой промы́шленности** маркази саноати вазнин

сре́дств||о *с* 1. восита, васила, тариқ, чора, роҳ, тадбир; **~о защи́ты** роҳи мудофиа; **радика́льное ~о** чораи қатъӣ; **найти́ ~о** чора ёфтан; **пусти́ть в ход все ~а** ҳамаи чораҳоро ба кор бурдан; **язы́к — ~о обще́ния люде́й** забон воситаи алоқаи одамон мебошад 2. *мн.* **сре́дства** воситаҳо; **~а произво́дства** воситаҳои истеҳсолот; **~а свя́зи** воситаҳои алоқа; **тра́нспортные ~а** воситаҳои нақлиёт; **~а к существова́нию** воситаҳои зиндагонӣ, ризқу рузӣ 3. дору, даво; ашьё; **~о от гри́ппа** дорун дарди грипп; **перевя́зочные ~а** ашьёҳои ҷароҳатбандӣ 4. *мн.* **сре́дства** пул, маблағ; **отпусти́ть ~а на строи́тельство** барои бинокорӣ пул ҷудо кардан; **сэконо́мить ~а** пулро сарфакори кардан

средь *см.* **среди́**

срез *м* 1. *(по знач. гл.* **сре́зать** 1) бурнш, буридан(и), қатъ кардан(и) 2. ҷои буридашуда; **све́жий ~** ҷои нав буридашуда 3. бурнш *(парчаи тунуки бофтаи организм, ки бо мақсади омухтани сохти микроскопии он бурида гирифта мешавад)*

среза́ние *с (по знач. гл.* **сре́зать** 1) буридан(и)

сре́за||ть *сов.* 1. *что* буридан, қатъ кардан, бурида ҷудо кардан; **~ть цвето́к** гулро буридан; **~ть подгоре́лую ко́рку хле́ба** пусти сухтаи нонро бурида ҷудо кардан 2. *перен. разг.* кам кардан 3. *кого перен. разг.* қатъ кардан, буридан, даҳон бастан, хомуш кардан; **~ть собесе́дника** сухани ҳамсуҳбатро қатъ кардан 4. *кого перен. прост.* дар имтиҳон дармонондан, ғалтондан; **его́ ~ли по матема́тике** уро дар имтиҳони математика ғалтонданд ◇ **~ть мяч** *спорт.* тупро яклаба задан; **~ть у́гол** роҳро мнёнбур кардан

среза́ть *несов. см.* **сре́зать**

сре́заться *сов. разг.* дар имтиҳон дармондан, ғалтидан

среза́ться *несов.* 1. *см.* **сре́заться;** 2. *страд.* бурида шудан, қатъ карда шудан

сре́зывать *несов. см.* **среза́ть**

сре́зываться *несов.* 1. *см.* **сре́заться;** 2. *страд.* бурида шудан, қатъ карда шудан, ғалтонда шудан

срисова́ть *сов. кого-что* нусхаи суратро дастӣ бардоштан; кашидан; **~ портре́т отца́** нусхаи сурати падарро дастӣ бардоштан

срисо́вывать *несов. см.* **срисова́ть**

срисо́вываться *несов. страд.* нусха бардошта шудан

сробе́ть *сов. разг.* тарсидан, ҳаросон шудан, кебидан

сровня́ть *сов. что* баробар (ҳамвор, тахт) кардан; **~ доро́гу** роҳро ҳамвор кардан ◇ **~ с землёй** ба замин яксон кардан

сровня́ться *сов.* баробар (ҳамвор, тахт) шудан

сродни́ *нареч. кому в сочет. с гл. «быть, доводиться, приходиться» разг.* хеш, хешнамо; **быть ~ кому́-л.** ба касе хеш будан; хеши касе будан // *в знач. сказ. безл. чему перен.* хос будан; **э́то ~ его́ тала́нту** ин ба истеъдоди вай хос аст

сро́дник *м уст. и прост.* хеш, хешованд

сродни́||ть *сов. кого-что* наздик кардан, ба ҳам наздик кардан, улфат пайдо кунондан; **о́бщее де́ло ~ло коллекти́в** кори умумӣ коллективро ба ҳам наздик кардааст

сродни́ться *сов.* 1. *с кем-чем* дуст (наздик) шудан, қаробат (улфат) пайдо кардан; **~ с сосе́дями** бо ҳамсоягон дуст шудан 2. *с чем* одат кардан, омухта шудан, ху гирифтан; **~ с суро́вым Се́вером** ба Шимоли хунук одат кардан

сродница *уст. и прост. женск. к* **сро́дник**

сродн||ый, -ая, -ое (сро́д|ен, -на, -но) 1. монанд, наздик, ба ҳам монанд, шабеҳ; **~ые поня́тия** мафҳумҳои ба ҳам монанд 2. *кому-чему (свойственный)* боб, муносиб // *к чему уст. (способный)* қобил; хос

сро́дственник *м уст. и прост. см.* **сро́дник**

сро́дственница *женск. к* **сро́дственник**

сродство́ *с книжн.* наздикӣ, монанди, шабоҳат; **~ явле́ний** монандии ҳодисаҳо

сро́ду *нареч. при гл. с отрицанием прост.* ҳеҷ вақт, дар умр; **он ~ не выезжа́л в команди́ровки** вай ҳеҷ вақт ба командировка нарафтааст

сро́ить *сов. кого-что пчел.* як кардан; **~ пчёл** галаи занбуронн асалро як кардан

сро́й||ться *сов. пчел.* як шудан, як оила шудан; **пчёлы ещё не ~лись** оилаҳои занбурони асал ҳануз як нашудаанд

срок *м* 1. *(промежуток времени)* муддат, мӯҳлат, вақт; **неде́льный ~** муддати як ҳафта; **гаранти́йный ~** мӯҳлати кафолат; **годи́чный ~** мӯҳлати яксола; **догово́рные ~и** мӯҳлатҳои шартнома; **~ом на ме́сяц** ба мӯҳлати як моҳ; **до истече́ния ~а** то тамом шудани мӯҳлат; **по истече́нии ~а** баъд аз тамом шудани мӯҳлат; **~ да́вности** муддати даъво; **уложи́ться в ~** дар вақташ ба ҷо оварда тавонистан (корро); **~ эксплуата́ции автомоби́ля** мӯҳлати истифодаи автомобиль 2. *(момент наступления чего-л.)* мӯҳлат, вақт; **устано́вленные ~и** мӯҳлатҳои мукаррар; **назна́чить ~** вақтро таъин кардан; **продли́ть ~** мӯҳлатро дароз кардан; **пропусти́ть ~** ба мӯҳлати таъиншуда риоя накардан ◊ **без ~а** бе мӯҳлат; **да́й(те) ~** сабр кун(ед), андак ист(ед); **дать ~** *прост.* қава кардан; **получи́ть ~** *прост.* қава шудан; **не дава́ть ни о́тдыху ни ~у** ҳеҷ ором намонондан

сро́ст||ок *м геол., бот.* пайваста; **~ки криста́ллов** пайвастаҳои булур

сро́чно *нареч.* зуд, фаврӣ, фавран, ба таври таъҷилӣ; **~ затре́бовать материа́лы** фавран материалҳоро талабидан; **он ~ вы́ехал** вай зуд баромада рафт

сро́чность *ж* 1. фаврӣ будан(и), таъҷилӣ будан(и), зуд будан(и); **~ выполне́ния** фаврӣ будани иҷро; **~ рабо́ты** таъҷилӣ будани кор 2. *разг.* шитоб; **к чему́ така́я ~?** ин гуна шитоб чӣ лозим?

сро́чн||ый, -ая, -ое (сро́ч|ен, -на, -но) 1. таъҷилӣ, фаврӣ, зуд; **~ая рабо́та** кори таъҷилӣ; **~ая телегра́мма** телеграммаи таъҷилӣ; **приня́ть ~ые ме́ры** чораҳои таъҷилӣ дидан 2. бамӯҳлат, мӯҳлатнок; **~ая ссу́да** қарзи бамӯҳлат; **~ая вое́нная слу́жба** хизмати ҳарбии ҳатмӣ

сруб *м* 1. *(по знач. гл.* **сруби́ть***)* буриш, буридан(и); **вы́брать дере́вья на ~** барои буридан дарахт ҷудо кардан 2. ҷои бурида 3. деворҳои чӯбин; **~ избы́** деворҳои хонаи чӯбин; **~ коло́дца** деворҳои чӯбини атрофи чоҳ

сруба́ние *с (по знач. гл.* **сруби́ть** 1) буридан(и)

сруба́ть *несов. см.* **сруби́ть** 1, 2

сруби́ть *сов. что* 1. буридан, бурида афтондан; бурида нест кардан; **~ де́рево** дарахтро бурида афтондан; **~ лес** ҷангалро бурида нест кардан 2. шикастан, шикаста ҷудо кардан; **~ лёд** яхро шикастан 3. аз ғулачӯбҳо сохтан, сохтан; **~ по́греб** аз ғулачӯбҳо таҳхона сохтан

сру́бщик *м лес.* чӯббур, дарахтбур

срыв *м* 1. *(по знач. гл* **сорва́ть** 2) вайрон (хароб) кардан(и); *(по знач. гл.* **сорва́ться** 3, 6) афтодан(и), ғалтидан(и); ноомад; **~ рабо́ты** ноомади кор 2. ҷои канда 3. зиён, халал, ноомад

стерилиза́ция *ж* 1. тамьиз, стерилизация; **~ хирурги́ческих инструментов** тамьизи асбобҳои ҷарроҳӣ 2. *мед.* қисирмононӣ; безурриёткунӣ; ахтакунӣ

стерилизо́ванный, -ая, -ое тамьизшуда; ахта

стерилизова́ть *сов., несов.* 1. *что* тамьиз кардан, стерилизация кардан 2. *кого мед.* ахта (қисир) кардан

стерилизова́ться 1. *сов., несов.* тамьиз шудан 2. *несов. страд.* ахта карда шудан

стери́льность *ж* 1. тамьиз будан(и); **~ посу́ды** тамьиз будани зарф 2. *биол.* ахташавӣ, қисир будан(и); **~ живо́тного** қисир будани чорво

стери́льн||ый, -ая, -ое (стери́|лен, -льна, -льно) 1. тамьизшуда; **~ый бинт** докаи тамьизшуда 2. *биол.* қисир, бенасл; **~ая клётка** ҳуҷайраи бенасл

сте́рлинг *м*: **фунт ~ов** фунти стерлинг *(воҳиди пулии Англия)*

стерлядь *ж зоол.* озодамоҳӣ

стерляж||ий, -ья, -ье ...и озодамоҳӣ; **~ья голова** сари озодамоҳӣ; **~ья уха** шурбои озодамоҳӣ

стернь, стерня́ *ж с.-х.* 1. *(сжатое поле)* ангор 2. *(остатки сжатых злаков)* гандумпоя, ҷавпоя, ғаллапоя

стерпе́ть *сов. что* тоқат (тоб) овардан, таҳаммул кардан, тоқат карда тавонистан; **~ боль** ба дард тоб овардан

стерпе́ться *сов. с чем и без доп. разг.* одат кардан; **~ с мыслью о разлу́ке** ба фироқ одат кардан ◇ **сте́рпится — слю́бится** *посл.* рафта-рафта одат мекунад

стёрт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* суда (сода) кардашуда 2. *прил.* судашуда, суда, хурдашуда; **~ая моне́та** тангаи суда (хӯрдашуда) 3. *перен.* забонзад, забонзадшуда; **~ые фра́зы** ифодаҳои забонзад

стеса́ть *сов. что* тарошидан; **~ до́ску** тахтаро тарошидан; **~ кору́** пӯстро тарошидан

стесне́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **стесни́ть)** танг кардан(и), маҳдудкунӣ, фишордиҳӣ; *(по знач. гл.* **стесни́ться** 3) танг шудан(и); **~е движе́ний** танг кардани ҳаракат; **чу́вствовать ~е в груди́** нафастанг шудан 2. ибо, изокашӣ, шармдорӣ; **без вся́ких ~й** бе ҳеҷ ибо; **прошу́ без ~й** хоҳиш мекунам ибо накунед

стеснённость *ж* танг будан(и), танг шудан(и), маҳдуд будан(и); **~ дыха́ния** танг шудани нафас; **~ движе́ний** маҳдуд будани ҳаракат

стеснённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* маҳдуд кардашуда, танг кардашуда 2. *прил. в разн. знач.* танг, душвор; **~ое дыха́ние** тангнафаскашӣ; **быть в ~ых обстоя́тельствах** дар аҳволи танг будан; **~ый в деньгах** муҳтоҷи пул

стесни́тельность *ж* 1. изокашӣ, ибо, ибо кардан(и), шармдорӣ; **поборо́ть ~** аз шарм халос шудан 2. тангӣ, маҳдудӣ; **~ положе́ния** тангаҳволӣ, тангии аҳвол

стесни́тельн||ый, -ая, -ое (стесни́те|лен, -льна, -льно) 1. шармгин, шармин, серибо, изокаш, боҳаё; **~ая де́вушка** духтари шармин 2. маҳдудкунанда, душвор, мушкил, пурзаҳмат, танг; **~ые правила** қоидаҳои маҳдудкунанда; **~ые обстоя́тельства** аҳволи танг

стесни́||ть *сов.* 1. *кого-что* фишор додан, фушурдан, танг кардан, тазьиқ додан 2. *кого-что* маҳдуд (кам) кардан; **~ть свобо́ду** озодиро маҳдуд кардан; **~ть в сре́дствах** маблағро кам кардан 3. *кого-что* ташвиш додан, заҳмат расондан (додан), сабаби малол шудан; **вы ниско́лько нас не ~те** шумо ба мо ҳеҷ ташвиш намедиҳед 4. *перен. что* ба танг овардан (омадан); **тоска́ ~ла се́рдце** аз ғусса дил ба танг омад; **~ть дыха́ние** нафас танг кардан

стесни́||ться *сов.* 1. тиққа (ҷафс) шудан; **шко́льники ~лись пе́ред карти́ной** мактаббачагон дар пеши сурат тиққа шуданд 2. худро маҳдуд кардан 3. танг шудан; **се́рдце ~лось от бо́ли** аз дард (алам) дил танг шуд

стесня́ть *несов. см.* **стесни́ть**

стесня́||ться *несов.* 1. *см.* **стесни́ться;** 2. *кого-чего и без доп.* изо кашидан, шарм доштан; ибо (ҳаё) кардан; **не ~йтесь, входи́те!** дароед бемалол!; **~ться окружа́ющих** аз атрофиён изо кашидан; **~ться свое́й малогра́мотности** аз камсаводии худ шарм доштан // *с неопр.* ҳиҷолат кашидан, ҷуръат накардан; **он ~лся спроси́ть** вай аз пурсидан ибо мекард // *с отриц.* **не ~ться** бетакаллуфона (густохона) рафтор кардан 3. *страд.* изо додан, шарм доронда шудан

стёсывать *несов. см.* **стеса́ть**

стёсываться *несов. страд.* тарошида шудан

стетоско́п *м мед.* стетоскоп *(карнайчаи духтурҳо барои гуш кардани кори дил ва шуш)*

стетоскопи́я *ж мед.* стетоскопия *(гуш кардани кори дил ва шуш ба воситаи стетоскоп)*

стече́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **стёчься)** шорида ҷамъ шудан(и) 2. тудашавӣ, ҷамъшавӣ, ғуншавӣ, ҷамъомад, тӯб шудан(и); **~ наро́да** туб шудани мардум 3. руй додан(и), ба вуқуъ пайвастан(и); **~ обстоя́тельств** шароит

сте||́чь *сов.* шоридан, рехтан, шорида рафтан; **вода́ ~кла́ в кана́ву** об ба ҷуй шорида рафт

стёчься *сов.* 1. *(о жидкости)* шоридан, шорида (рехта) ҷамъ шудан; **ручьи стекли́сь о́коло овра́га** оби ҷӯйҳо дар назди ҷарӣ шорида ҷамъ шуд 2. *перен. (о людях)* туда (ҷамъ, ғун, туб) шудан; **демонстра́нты стекли́сь на пло́щади** намоишчиён дар майдон ҷамъ шуданд

сти́брить *сов. что прост.* задан, зада бурдан, дуздидан

стивидо́р *м мор.* стивидор *(мутахассиси боркунӣ ва аз бор холӣ кардани киштиҳо дар бандарҳои хориҷӣ)*

сти́гма *ж* стигма (1. *ист.* *тамғае, ки дар Юнони Қадим ба тани ғулом ё ҷиноятқор зада мешуд* 2. *зоол. узви басираи баъзе намудҳои қамчинакҳо* 3. *зоол. сурохи роҳи нафаскашӣ дар тани ҳайвонҳои буғумпо)*

стилев||ой -ая, -ое *см.* **стилистический;** ~**ая поправка** ислоҳи услуби

стилет *м* акинак

стилизатор *м* тақлидгар; тансиқгар

стилизаторский, -ая, -ое ...и тақлидгар, ...и тансиқгар

стилизаторство *с* тақлидгарӣ; тансиқгарӣ

стилизаци||я *ж* 1. тақлид; тансиқ; ~**я народных песен** тансиқи сурудҳои халқӣ 2. асари тансиқи, асари ба услубе даровардашуда; **этот узор — ~я кисти винограда** ин нақш тансиқи хушаи ангур аст

стилизованный, -ая, -ое 1. *прич.* тансиқшуда 2. *прил.* (стилизован, -на, -но) тақлидӣ, ...и тақлид

стилизовать *сов., несов. что* тақлид (тансиқ) кардан; ~ **костюмы под восемнадцатый век** либосҳоро тақлидан ба намунаҳои либоси асри ҳаждаҳум духтан

стилизоваться *несов. страд.* тансиқ карда шудан, тақлид карда шудан

стилист *м* тақлидгар; тансиқгар нависандаи хушуслуб

стилистика *ж* 1. *лит.* сабкшиносӣ, услубшиносӣ 2. *лингв.* илми услуб, услубшиносӣ

стилистическ||ий, -ая, -ое 1. ...и услубшиносӣ, ...и сабкшиносӣ, ...и илми услуб; ~**ие категории** категорияҳои илми услуб 2. ...и услуб, услубӣ, ...и сабк; ~**ий приём** тарзи услуб

стил||ь I *м* 1. *лит., архит.* услуб, сабк, тарз; **готический ~ь** услуби готӣ; ~**ь Гоголя** сабки Гоголь; **поэтический ~ь** услуби назмӣ; **лаконический ~ь** услуби муҷаз 2. *перен.* тарз, роҳ, тариқ; ~**ь гребли** тарзи белзанӣ; ~**ь в работе** тарзи кор; **это в его ~е** ин ба вай хос аст; **это не в его ~е** ин ба у хос не

стиль II *м* тақвим, солшуморӣ; **старый ~** тақвими кӯҳна; **новый ~** тақвими нав

стильб *м физ.* стильб (*воҳиди байналхалқии танвири сатҳ*)

стильность *ж* услуби муайян доштан(и)

стильный, -ая, -ое (сти|лен, -льна, -льно) ...и услуби муайян; ~ **костюм** костюми духти махсус

стиляга *м, ж разг. пренебр.* такасалтанг, сатанг

стимул *м* сабаб, боис, омил; **материальный ~** омили моддӣ; **моральный ~** омили маънавӣ; **экономические ~ы** омилҳои иқтисодӣ; **послужить ~ом к чему-л.** боиси чизе шудан

стимулировани||е *с* (*по знач. гл.* **стимулировать**) ҳавасманд кардан(и); **экономическое ~е** ҳавасмандии иқтисодӣ; **система экономического ~я** тартиби ҳавасмандии иқтисодӣ

стимулировать *сов., несов. кого-что* ҳавасманд кардан, ҳавас пайдо кунондан, сабаб шудан; ~ **развитие лёгкой промышленности** сабаби инкишофи саноати сабук шудан

стимулироваться *несов. страд.* ҳавасманд карда шудан

стимулятор *м* нумуя

стимуляция *ж с.-х.* нумуъ

стипендиат *м* стипендиат, талабаи стипендия гиранда

стипендиатка *женск. к* **стипендиат**

стипенди||я *ж* стипендия; **государственная ~я** стипендияи давлатӣ; **повышенная ~я** стипендияи аълочӣ; **предоставление ~и** додани стипендия; **получать ~ю** стипендия гирифтан

стиплер *м спорт.* стиплер, аспи пойга

стиральн||ый, -ая, -ое ...и либосшуӣ, ...и ҷомашуӣ; ~**ая машина** мошини ҷомашуӣ; ~**ый порошок** хокаи либосшуӣ

стирание I *с* (*по знач. гл.* **стереть**) поккунӣ, тозакунӣ, пок кардан(и), тоза кардан(и); бартараф (нест) кардан(и); ~ **пыли** пок кардани чанг; ~ **граней между городом и деревней** бартараф кардани фарқи [байни] шаҳру қишлоқ

стирание II *с см.* **стирка**

стиранный *прич.* ҷомашуӣ кардашуда, шусташуда

стиран||ый, -ая, -ое 1. тоза, шустагӣ; ~**ое бельё** либоси шустагӣ 2. обшуста, шустагӣ; **это ~ое платье** ин либоси обшуста аст

стирать I *несов. см.* **стереть**

стирать II *несов. что* либос шустан, ҷомашуӣ кардан; ~ **бельё** либос шустан, ҷомашуӣ кардан

стираться I *несов.* 1. *см.* **стереться;** 2. *страд.* пок (тоза) карда шудан

стира||ться II *несов.* 1. шуста шудан, тоза карда шудан; **шерстяные вещи хорошо ~ются в мыльной пене** чизҳои пашмин дар кафки собун ба хубӣ шуста мешаванд 2. *страд.* либос шуста шудан, ҷомашуӣ карда шудан

стирк||а *ж* (*по знач. гл.* **стирать** II) ҷомашуӣ, либосшуӣ; ~**а белья** ҷомашуӣ

стискивать *несов. см.* **стиснуть**

стискиваться *несов.* 1. *см.* **стиснуться;** 2. *страд.* фушурда шудан, фишор дода шудан, зич (ҷафс, танг) карда шудан

стисну||ть *сов.* 1. *кого-что* фушурдан, фишор (тазьиқ) додан, танг (зич, ҷафс) кардан; ~**ть руку** дастро фишурдан 2. *что* фушурдан, ғич кардан; ~**ть в объятиях** *кого* сахт ба оғуш гирифтан; ~**ть зубы от боли** аз дард дандонҳоро ғич кардан; ~**в зубы** дандон ба дандон монда тоб овардан

стиснуться *сов. разг.* зич (ҷафс, тиққа) шудан

стих I *м лит. в разн. знач.* шеър; **размер ~а** вазни шеър; **владеть ~ом** шоир будан; **белый ~** шеъри озод; **роман в ~ах** романи манзум; **писать ~й** шеър навиштан; **читать ~й** шеър хондан

стих II *м нескл. разг.* (*настроение*) кайфият, димоғ; **какой на него ~ нашёл?** чаро кайфияташ дигар шуд?

стихарь *м церк.* қабо (*либоси зарбафти дарози руҳониёни насронӣ*)

стихать *несов. см.* **стихнуть**

стихийность *ж* табиӣ будан(и), худ аз худ инкишофьёбӣ, ғайримуташаккилӣ, стихиявӣ будан(и); ~ **действий** ғайримуташаккилии фаолият

стихийн||ый, -ая, -ое (стихи|ен, -йна, -йно) 1. табиӣ; ~**ое бедствие** офати табиӣ 2. *перен.* ғайримуташаккил, номуташаккилона, стихиявӣ; ~**ое явление** ходисаи стихиявӣ; ~**ое восстание** шӯриши номуташаккилона

стихи||я *ж* 1. ходисаи (қувваҳои) табиат; **борьба со ~ей** мубориза бо қувваҳои табиат; **морская ~я** туфони баҳр; ~**я огня** туфони оташ 2. *перен.* қувваи ғайримунтазам, қувваи ғайримуташаккил 3. *перен.* иштиёқ; лаҳв; **шахматы — его ~я** вай ба шоҳмотобозӣ иштиёқ дорад

стих||нуть *сов.* ором (хомуш) шудан, сокит мондан, мондан; **ветер стих** шамол монд; **рассказчик стих** қиссахон хомуш шуд; **боль ~ла** дард монд

стиховедение *с* шеършиносӣ

стихомания *ж* [савдои] қофиябофӣ

стихоплёт *м разг.* қофиябоф

стихоплётство *с разг.* қофиябофӣ

стихосложение *с* 1. шеърнависӣ, шеъргуӣ 2. *лит.* аруз

стихотворение *с* шеър, назм, манзума

стихотворец *м уст.* шоир, шеърнавис, нозим

стихотворн||ый, -ая, -ое ...и шеър, манзум; ~**ый размер** вазни шеър; **в ~ой форме** ба шакли шеър (манзум)

стихотворство *с* шеърнависӣ, шоирӣ

стихотворческий, -ая, -ое *уст.* 1. ...и шоир, ...и шеърнавис 2. ...и шеърнависӣ, ...и шоирӣ

стишок *м уменьш.-уничиж. к* **стих** I

стланец *м* 1. (*лён, конопля*) зағирпояи хобида 2. *бот. см.* **стланик**

стланик *м бот.* густарак

стланцев||ый, -ая, -ое 1. *с.-х.* ...и зағирпояи хобида; ~**ые льны** зағирҳои хобида 2. *бот.* ...и густарак

стланьё *с с.-х.* тар кардани зағирпоя бо борон ё оби шабнам

стлать *несов. что* 1. паҳн (фарш) кардан, густурдан, андохтан; ~ **скатерть на стол** суфраро ба руи стол густурдан; ~ **постель** ҷогаҳ андохтан 2. чидан, сохтан; ~ **настил** тахтаҳои фаршро чидан

стла||ться *несов.* 1. *в разн. знач.* паҳн (густурда) шудан; **над рекою ~лся туман** дар болои дарьё туман паҳн мешуд; **дым стелется по земле** дуд дар руи замин паҳн мешавад 2. (*быстро бежать — о животных*) тохтан, тез паридан 3. *страд.* паҳн карда шудан, густурда шудан, сохта шудан

сто *числ.* сад; **получить ~ рублей** сад сум гирифтан; **дать больше ста процентов выработки** зиёда аз сад фоиз кор кардан; **много сот лет тому назад** садҳо сол пеш аз ин; **не имей ~ рублей, а имей ~ друзей** *посл.* ба пул мабош, ба дуст бош ◊ **на все ~** комилан, пурра; **дать ~ очков вперёд** *кому* муқаддам будан, бартарӣ доштан, авлотар (афзалтар) будан

сто- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънии «дорои сад воҳиди чизе» — ро, ки дар қисми дуюми калима нишон дода шудааст, ифода мекунад*: **стограммо́вый** садграммӣ; **стометро́вый** садметра; **стопроце́нтный** садфоизӣ

стог *м* ғарам; **сложи́ть се́но в ~а** бедаро ғарам кардан ◇ **как иго́лка в ~у́ [се́на] исче́знуть (затеряться)** мисли сузан даруни ҷувол гум шудан

стогла́вый, -ая, -ое садсара

стогова́ние *с с.-х.* (*по знач. гл.* **стогова́ть**) ғарам кардан(и); ~ **се́на** ғарам кардани хасбеда

стогова́ть *несов. что* ғарам кардан

стогова́ться *несов. страд.* ғарам карда шудан

стогомета́тель *м с.-х.* мошини ғарамкунанда

стоградусн||ый, -ая, -ое саддарача(гӣ); **~ые моро́зы** хунукиҳои саддараҷа; **~ый термо́метр** термометри саддараҷадор

стограммо́в||ый, -ая, -ое садграммӣ; **~ая ги́ря** санги садграммии тарозу

стоеро́сов||ый, -ая, -ое: дуби́на ~ая *прост. бран.* каллаварами гузаро

сто́ечн||ый, -ая, -ое ...и тиргак, ...и поя, ...и такья; **~ые бру́сья** чубҳои тиргак

сто́ик *м* 1. *филос.* равоқӣ, равоқиюн 2. *перен.* одами босубот (собитқадам, пуртокат)

сто́имостный, -ая, -ое *эк.* ...и арзиш, ...и қимат, арзиши

сто́имость *ж* 1. *эк.* арзиш; **приба́вочная ~** арзиши изофа; **абсолю́тная приба́вочная ~** арзиши изофии мутлақ; **менова́я ~** арзиши бадали; **~ произво́дства** арзиши истеҳсолот 2. баҳо, қимат, нарх; **~ кни́ги** нархи китоб; **действи́тельная ~** баҳои аслӣ

сто́и||ть *несов.* 1. *что* истодан, арзидан, нарх (қимат) доштан; **биле́т ~т пять рубле́й** билет панҷ сум меистад; **ско́лько ~т э́та кни́га?** ин китоб чанд пул меистад?; **э́то ~т дёшево (до́рого)** ин арзон (қимат) аст, ин арзон (қимат) меистад 2. *чего* киро будан; **вещь ~т того́, что за неё про́сят** мол кирои нархаш аст; **он не ~т сожале́нья** вай кирои тараҳҳум не 3. *кого-что* ҷои касеро (чизеро) гирифтан, баробар будан; **он оди́н ~т семеры́х** вай худаш ҷои ҳафт касро мегирад 4. *кому что* афтидан, талаб кардан; **э́та пое́здка ~ла ему́ до́рого** ин сафар барояш қимат афтидааст; **напряжённая рабо́та ~ла ей здоро́вья** кори бошиддат боиси бад шудани саломатии у гардидааст; **почи́нка бу́дет ~ть це́лого дня рабо́ты** таъмир як рузи кор талаб мекунад 5. *безл. с неопр.* лозим (даркор) аст; **об э́том и ду́мать не ~т** дар ин бора фикр кардан ҳам лозим нест; **не ~ло э́того де́лать** ин чизро кардан даркор набуд 6. *безл. (как только, едва)* ҳамин ки; **~т то́лько** ҳамин ки; **~т то́лько сло́во сказа́ть — всё сде́лано** ҳамин ки сухане гуфта шуд — тамоми кор буд шуд ◇ **дёшево ~ть** аҳамият надоштан; **его́ слова́ дёшево сто́ят** гапаш асар надорад, гапаш эътибор надорад; **не ~т благода́рности** *безл.* кирои ташаккур не; намеарзад; **ничего́ не ~т** *кому с неопр.* ҳеҷ гап нест, ҳеҷ чиз нест, кори саҳл (осон) аст; **~т того́** меарзад, ақкол; **не ~т того́** намеарзад, лоик нест

стоици́зм *м* 1. *филос.* равоқия (*ҷараёнест дар фалсафаи атиқа, ки байни материализм ва идеализм меистод*) 2. *перен.* устуворӣ, суботкорӣ, матонат

стои́ческ||ий, -ая, -ое 1. *филос.* ...и равоқия; **~ая филосо́фия** фалсафаи равоқия 2. *перен.* устувор(она), суботкор(она), матин, мардона; **~ое поведе́ние** рафтори устуворона

сто́йбище *с этн.* қишлоқ, яйлов, девлох

сто́йк||а I *ж* 1. *спорт.* ростистӣ; **сде́лать ~у** рост истодан 2. *охот.* гушсих шудан; **соба́ка сде́лала ~у** саг сайдро дида гушсих шуд

сто́йка II *ж* 1. (*буфет*) пешдукон, пештахта 2. *тех.* тиргак, поя, такья; **~ тока́рного станка́** пояи дастгоҳи харротӣ

сто́йк||ий, -ая, -ое (**сто́ек, сто́йка, сто́йко**) 1. устувор, намерафтагӣ, маҳкам, истам; **~ая кра́ска** ранги намерафтагӣ; **~ий за́пах** буи истам 2. *перен.* устувор(она), матин, тобовар, босубот, суботкорона; **~ая защи́та** мудофиаи устуворона; **~ий хара́ктер** табиати матин

сто́йко *нареч.* устуворона, суботкорона, бо матонат; **~ вести́ себя́** суботкорона рафтор кардан

стойко́м *нареч. прост. см.* **стоймя́**

сто́йкость *ж* 1. устуворӣ, маҳкамӣ; **~ алма́зного резца́** бадоштии теғи алмосӣ; **~ опо́ры** маҳкамии такья 2. *перен.* устуворӣ, матонат, сахтӣ, суботкорӣ; **~ хара́ктера** суботкории табиат

сто́йло *с* саисхона, оғилхона; **поста́вить ло́шадь в ~** аспро дар саисхона ба ҷояш баста мондан

сто́йлов||ый, -ая, -ое *с.-х.* ...и саисхона, ...и оғилхона; **~ое содержа́ние скота́** дар оғил нигоҳ доштани чорво

стоймя́ *нареч.* рост истода, рост; **поста́вить поле́но ~** ғулачубро рост мондан

сток *м* 1. (*по знач. гл.* **стечь**) шоридан(и), рехтан(и) 2. нова, обдав; қубур, ҷуй, обгурез; **прорыть ~** ҷуй кофтан; **прочи́стить ~и** кубурҳоро тоза кардан

стокра́т *нареч. уст.* сад бор, сад дафъа, борҳо

стократн||ый, -ая, -ое садкаратӣ, садкарата; **в ~ом разме́ре** садкаратӣ

стол I *м* 1. миз, стол; **деревя́нный ~** столи чубин; **кру́глый ~** столи гирд; **раздвижно́й ~** мизи кушодашаванда; **пи́сьменный ~** столи хатнависӣ; **обе́денный ~** столи хуроккхӯрӣ; **ку́хонный ~** столи ошпазхона; **сесть за ~** ба сари стол нишастан; **встать из-за ~а́** хурда шудан; аз сари дастархон хестан; **пригласи́ть к ~у́** ба сари дастархон даъват кардан; **накры́ть [на] ~** дастархон кушодан; **пода́ть на ~** хӯрокро ба рӯи стол мондан; **убра́ть со ~а́** дастархонро ғундоштан 2. хӯрок, авқот; **диети́ческий ~** хӯроки пархезӣ; **оби́льный ~** хуроки зиёд; **дома́шний ~** хуроки хонагӣ; **отложи́ть де́ньги на ~** барои хурок пул ҷудо кардан 3. шуъба; **~ ли́чного соста́ва** шуъбаи нафарот; **~ зака́зов** шӯъбаи заказкабулкунӣ; **а́дресный ~** шӯъбаи адресҳо; **спра́вочный ~** шӯъбаи справкадиҳӣ; **~ нахо́док** шӯъбаи чизҳои ёфташуда ◇ **сесть за кру́глый ~** барои ҳалли масъалаҳои ҷиддӣ ҷамъ шудан, мизи мудаввар оростан

стол II *м ист.* тахт

столб *м* 1. сутун, симчуб, юғӣ; **телегра́фный ~** симчӯби телеграф; **пограни́чные ~ы́** нишонҳои сарҳаддӣ; **фона́рный ~** сутуни фонус 2. (*пыли, воды и т. п.*) фаға, фағона, фаввора; **~ ды́ма** фағаҳои дуд; **~ы́ пы́ли** фағонаҳои чанг; **~ воды́** фавворан об ◇ **геркуле́совы ~ы́** ақсо, ақсои олам; **позвоно́чный ~** *анат.* аррапушт; **пыль (дым) ~о́м** мағал, тупаланг, ғавғо; **пригвозди́ть к позо́рному ~у́** тавқн лаънат овехтан; **стоя́ть ~о́м** шах шуда истодан

столбене́ть *несов. разг.* шах (карахт, маҳву мот) шудан; **~ от у́жаса** аз даҳшат шах шудан

столб||е́ц *м* сутун; **кни́га напеча́тана в два ~ца́** саҳифаҳои китоб дусутунӣ чоп карда шудаанд

сто́лбик *м* 1. *уменьш. к* **столб**; **~ рту́ти** найчаи симоб 2. сутун; **~и цифр** сутунҳои рақамҳо // *в знач. нареч.* **сто́лбиком** сутун барин, ба шакли сутун

столбня́к *м мед.* кузоз ◇ **на него́ нашёл ~** карахт шудааст, шах шуда мондааст

столбня́чный, -ая, -ое *мед.* ...и кузоз, кузозӣ

столбов||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и сутун, ...и симчуб 2. (*перен.* асосӣ, аслӣ ◇ **~а́я доро́га** 1) *уст.* (*тракт*) роҳи калон, ҷода 2) (*главное направление развития*) шоҳроҳ, роҳи асосӣ; **~ы́е дворя́не** *ист.* ашрофҳои бонасаб, асилзодагон

столе́ти||е *с* 1. (*срок*) муддати сад сол, аср, қарн; **тре́тья че́тверть два́дца́того ~я** чорьяки сеюми асри бистум 2. (*годовщина*) садсолагӣ; **~е со дня рожде́ния Че́хова** садсолагии рӯзи таваллуди Чехов

столе́тн||ий, -яя, -ее 1. садсола; **Столе́тняя война́** Ҷанги садсола; **~ий дуб** дарахти булути садсола; **~ие старики́** пирони садсола 2. қадим, хеле куҳна; **~ие строе́ния** биноҳои хеле кӯҳна

столе́тник *м бот.* уд

сто́лечко *нареч. разг.*: **хоть ~** андакак, китекак, як қитти

столе́шник *м обл.* суфра, дастархон

столе́шница *ж обл.* руи стол, тахтаи болон стол

сто́лик *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **стол** 1; 2. *разг. (в кафе и т. п.)* стол; **заказа́ть ~ в рестора́не** дар ресторан стол ишғол кардан

столи́кий, -ая, -ое серруя; гуногунранг; **~ го́род** шаҳри гуногунранг

столи́ца *ж* пойтахт, марказ; **Москва́ — ~ на́шей Ро́дины** Москва пойтахти Ватанамон мебошад

столи́чн||ый, -ая, -ое ...и пойтахт, ...и марказ; **~ый го́род** пойтахт, шаҳри пойтахт; **~ые па́рки** боғҳои пойтахт; **~ый жи́тель** сокини пойтахт

столкнове́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **столкну́ться** 1, 2) ба ҳамдигар бархурӣ, садама, ба ҳамдигар даккахурӣ; **~е автомоби́лей** ба ҳамдигар бархӯрии автомобильҳо 2. *перен.* зиддият, ба ҳамдигар зид баромадан(и); **~е интере́сов** зиддияти манфиатҳо; **прийти́ в ~е** ба ҳамдигар зид баромадан 3. ҷанг, задухурд; **вооружённое ~е** задухӯрди мусаллаҳона 4. *перен.* ҷанҷол, низоъ; **~е с сосе́дями** ҷанҷоли ҳамсоягон; **избега́ть ~й** аз ҷанҷол худдорӣ кардан

столкну́ть *сов. кого-что* 1. тела додан, тела дода партофтан, ҷунбондан; **~ ло́дку в во́ду** қаиқро ба об тела додан 2. дучор кардан, вохӯрондан, дакка хӯрондан, ба ҳамдигар бархурондан

столкну́||ться *сов.* 1. *с кем-чем* ба ҳамдигар дакка хурдан, бархӯрдан, омада задан; **ваго́ны ~лись** вагонҳо ба ҳамдигар дакка хурданд; **~ться на ле́стнице** дар зинапоя бархурдан 2. *перен. с чем* вохурдан, дучор шудан; **~ться с тру́дностями** ба душвориҳо дучор шудан; **~ться с но́выми зада́чами** ба вазифаҳои нав дучор шудан 3. *перен. с кем-чем* ба ҳамдигар зид баромадан; **их интере́сы ~лись** манфиатҳои онҳо ба ҳамдигар зид баромаданд; **они́ ~лись на вопро́се о...** онҳо дар масъалаи оид ба... ба ҳамдигар зид баромаданд ◇ **~ться на у́зкой доро́жке** сояи ҳамдигарро аз девор тарошидан

столкова́||ться *сов. разг.* созиш кардан, ба як қарор омадан; забон як кардан; **они́ бы́стро ~лись** онҳо зуд созиш карданд

столко́вываться *несов. см.* **столкова́ться**

столова́ться *несов.* хурок хурдан; **~ на рабо́те** дар ҷои кор хурок хурдан

столо́вая *ж* 1. *(комната)* хонаи хурокхурӣ 2. *(место общественного питания)* ошхона

столо́в||ый, -ая, -ое 1. ...и стол 2. *(для обеденного стола)* ...и хурокхурӣ; **~ая ло́жка** кошуқи хурокхурӣ; **~ый прибо́р** асбобу анҷоми хӯрокхурӣ; **~ое бельё** дастархон ва сачоқ 3. ...и хурок, хуроки; **~ая соль** намаки ош

столонача́льник *м уст.* мудир, коргузор *(мудири шуъбаи ягон идора дар Россияи тореволюционӣ)*

столо́чь *сов. что* кӯфтан, кӯфта майда кардан; **~ соль** намакро куфтан

столп *м* 1. *уст.* сутун 2. *перен. уст. теперь ирон.* аркон, сутун; **~ы́ нау́ки** аркони илм; **~ы о́бщества** аркони ҷамъият ◇ **геркуле́совы ~ы́** ақсо, ақсои олам

столпи́||ться *сов.* ҷамъ (гун, туп) шудан; **шко́льники ~лись во дворе́** мактаббачагон дар рун ҳавлӣ тӯп шуданд

столпотворе́ние *с разг.* мағал, тупаланг, дулобӣ; **вавило́нское ~** рузи маҳшар; дулобӣ, валвала

столь *книжн.* 1. *нареч.* ин қадар, он қадар, чунин, чунон чандон; **э́то не ~ ва́жно** ин чандои муҳим нест; **места́, не ~ отдалённые** *уст.* бадарға *(одатан Сибирь)* 2. *в составе сложного союза* **«столь..., сколь»** он қадар..., ки; ҳар қадар..., ҳамон қадар; **он ~ же умён, сколь и образо́ван** у ҳар қадар оқил бошад, ҳамон қадар доно аст

сто́лько 1. *нареч.* он қадар, ҳамон қадар; **ско́лько ну́жно, ~ и бери́** ҳар қадар лозим бошад, ҳамон қадар гир 2. *в составе сложного союза* **«сто́лько..., ско́лько»** он қадар..., ки; ҳар қадар..., ҳамон қадар; **не ~..., ско́лько** на он қадар, ки... (балки...); **он не ~ бо́лен, ско́лько уста́л** вай на он қадар бемор аст, балки хаста шудааст 3. *мест. указ.* ин қадар, бисьёр ҳамин қадар; **где ты взял ~ книг?** ту ин қадар китобро аз куҷо гирифтӣ?; **я ~ о нём слы́шал** ман дар бораи у гапҳои бисьёр шунидаам

сто́льник *м ист.* дастархончӣ

сто́льный, -ая, -ое *ист.* ...и пойтахт, пойтахтӣ; **~ град** шаҳри пойтахт

столя́р *м* дуредгар, харрот, наҷҷор; **~-краснодере́вщик** наҷҷор

столя́рка *ж* дуредгархона

столя́рничать *несов.* дуредгарӣ (наҷҷорӣ) кардан

столя́рничество *с* дуредгари, наҷҷорӣ

столя́рн||ый, -ая, -ое 1. ...и дуредгарӣ, ...и наҷҷорӣ; **~ое де́ло** дуредгарӣ, касби дуредгарӣ; **~ый инструме́нт** асбобу анҷоми дуредгарӣ; **~ый клей** елими дуредгарӣ; **~ая мастерска́я** корхонаи дуредгарӣ 2. *в знач. сущ.* **столя́рная** *ж* корхонаи дуредгарӣ

стомати́т *м мед.* стоматит, дарди даҳон

стомато́лог *м* стоматолог, мутахассиси стоматология

стоматологи́ческий, -ая, -ое ...и стоматология, стоматологӣ; **~ институ́т** институти стоматология

стоматоло́гия *ж мед.* стоматология *(як шуъбаи медицина, илмест ки бо тадқиқи дардҳои даҳан машғул аст)*

стометро́вый, -ая, -ое садметра

стомиллио́нн||ый, -ая, -ое садмиллионӣ; **~ое населе́ние** аҳолии садмиллионӣ

стон *м* нолиш, нола, фиғон; **жа́лобные ~ы** нолаҳои аламнок

стона́ть 1. *несов.* нола (нолиш) кардан, нолидан, фиғон кашидан; **~ от бо́ли** аз дард нола кардан 2. шикоят (нолиш) кардан; **он ве́чно сто́нет** ӯ доимо шикоят (нолиш) мекунад

стоп *межд. в знач. повел. накл.* ист! исто! қарор биист!; **~! Ни с ме́ста** ист! аз ҷоят наҷунбӣ!

стоп||а́ I *ж* 1. *анат.* кафи по(й); **пло́ская ~а** кафи ҳамвори (тахти) по; **перело́м ~ы** шикасти панҷаи пой 2. *уст. книжн.* по, пойҳо 3. *уст. (поступь)* қадам ◇ **идти́ по чьи́м-л. ~а́м** ба қасе пайрави кардан, аз қасе ибрат гирифтан; **напра́вить куда́-л. свои́ ~ы** қадамҳои худро ба ҷое равона кардан

стопа́ II *ж лит.* рукн

стопа́ III *ж* 1. як даста, як гала, туп; **~ книг** як даста китоб 2. *(мера бумаг)* назид *(1000 варақ коғаз)*

стопа́ IV *ж уст. (сосуд)* соғар, ҷом, коса

стопи́ть *сов. что* 1. *прост.* об карда омехтан, об карда катӣ кардан; **~ са́ло со скипида́ром** равғанро об карда бо скипидар омехтан 2. *разг.* об кардан; **~ ма́сло** равғанро об кардан

сто́пка I *ж* даста, назид; **~ тетра́дей** як даста дафтар

сто́пка II *ж* қадаҳ; **стекля́нная ~** қадаҳи шишагин

стоп-кра́н *м ж.-д.* стоп-кран *(тормози таъҷилӣ)*

сто́пор *м тех.* тамба

сто́порить *несов. тех.* 1. *что* аз ҳаракат боздоштан (монондан); **~ маши́ну** мошинро аз ҳаракат боздоштан 2. *без доп. мор.* боздоштан, истоёндан 3. *что перен.* ба кор ишкел андохтан, ба пешрафти кор монеъ шудан

сто́пориться *несов.* 1. аз ҳаракат мондан 2. *перен.* пеш нарафтан 3. *страд.* аз ҳаракат боздошта шудан, мононда шудан

сто́порный, -ая, -ое *тех.* ...и тамба боздоранда; **~ винт** винти тамба

стопроце́нтный, -ая, -ое 1. сад фоиз, садфоиза, садфоизӣ; **~ раство́р йо́да** маҳлули садфоизии йод 2. пурра, сар то сар; **~ охва́т учёбой** бо таҳсил пурра фаро гирифтан

стоп-сигна́л *м авто* стоп-сигнал *(чароғи тормоз)*

сто́птанн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* каҷшуда, яктарафашуда 2. *прил.* каҷ, яктарафа; **~ые каблуки́** пошнаҳои яклаба (каҷ) 3. *прил.* поймолшуда; **~ое ржано́е по́ле** киштзори поймолшудаи ҷавдор

стопта́ть *сов. что* 1. пушида каҷ кардан; **~ каблуки́** пошнаҳоро каҷ кардан 2. *разг.* поймол кардан

стопта́||ться *сов.* каҷ (яктарафа) шудан; **каблуки́ ~лись** пошнаҳо каҷ шудаанд

стопудо́вый, -ая, -ое садпуда

сторгова́ть *сов. кого-что разг.* савдоро баробар кардан, савдоро пазондан, хариданӣ шудан; **~ коня́** аспро хариданӣ шудан

сторгова́ться *сов. разг.* савдоро баробар кардан, савдоро пазондан; **~ о цене́** дар бораи нарх созиш кардан

стори́цею *нареч. уст. и книжн.* якубаҳазор; садубаҳазор; **возда́ть ~ кому, ва что** 1) *(щедро вознаградить)*

якубаҳазор инъом додан, баҳра гирифтан 2) *перен.* *(жестоко отомстить)* сахт интиқом гирифтан, қасос гирифтан

сторно *с нескл. бухг.* сторно *(қайди ислоҳ)*

сторнова́ть *несов. что с.-х.* куфтан *(ғалларо тавре куфтан, ки коҳаш майда нашуда монад)*

сторно́вка *ж с.-х.* 1. *(по знач. гл.* **сторнова́ть**) куфтан(и); 2. *(немятая солома)* пахол

сто́рож *м* посбон, нигаҳбон, қаравул; **ночно́й** ~ посбони шаб; **овча́рки — хоро́шие** ~**а** сагҳои чупонӣ посбонони хубанд

сторожеви́к *м* киштии посбонӣ

сторожев||о́й, -а́я, -о́е 1. нигаҳбонӣ, ... и қаравулӣ, ...и посбонӣ, посбоникунанда; ~**а́я вы́шка** манораи қаравулӣ; ~**о́й отря́д** отряди посбоникунанда; ~**о́й кора́бль** киштии посбоникунанда 2. *в знач. сущ.* **сторожево́й** *м* нигаҳбон, посбон ◇ ~**ые огни** чароғҳои роҳнамо *(мас. дар баҳру дарьё)*

сторожи́ть *несов. кого-что* посбонӣ (қаравулӣ, нигаҳбонӣ) кардан; ~ **склад** анборро посбонӣ кардан

сторожи́ться *несов. уст.* ҳазар кардан

сторожи́ха *ж* 1. *разг. (женщина-сторож)* посбонзан, қаравулзан 2. *прост. (жена сторожа)* зани посбон, зани қаравул

сторо́жка *ж* қаравулхона; ~ **лесника́** қаравулхонаи ҷангалбон

сторо́жк||ий, -ая, -ое *охот.* раманда, хусанда; ~**ая ры́ба** моҳии хусанда; ◇ ~**ий сон** хоби норохат

сторо́жкость *ж охот.* хусандагӣ, хусанда будан(и)

сторон||а́ *ж* 1. *(направление)* тараф, су, ҷониб, самт; **с пра́вой** ~**ы́** дар (аз) тарафи рост; **с ле́вой** ~**ы́** дар (аз) тарафи чап; **со всех сторон** аз ҳама тараф; **с ра́зных сторон** аз ҳар тараф; **на той** ~**е́** дар он тараф; **уклони́ться в сто́рону** ба як су рафтан; **смотре́ть по** ~**а́м** ба атроф нигоҳ кардан; **разбежа́ться в ра́зные стороны** тохта ба ҳар тараф пароканда шудан 2. *(страна, местность)* мамлакат, маҳал, мавзеъ; **родна́я** ~**а́** ватан, зодгоҳ 3. *(край)* тараф, лаб, канор; **ю́жная** ~**а у́лицы** тарафи ҷанубии куча; **на тенево́й** ~**е́ у́лицы** дар тарафи соядори куча; **по обе́им** ~**ам шоссе́** дар ду лаби роҳ; **подве́тренная** ~**а́** тарафи шамолпанаҳ; **наве́тренная** ~**а** тарафи шамолрас; **е́хать** ~**о́й доро́ги** аз канори роҳ рафтан 4. *(поверхность)* руй, тараф; **лицева́я** ~**а мате́рии** руи матоъ, тарафи ростаи матоъ 5. *перен.* канор, чет; **держа́ться в** ~**е́** дар канор истодан, худро аз коре чет кашидан; **оста́ться в** ~**е́** дар канор мондан; дар коре иштирок накардан; **отвле́чься в сто́рону** аз масъалаи асосӣ дур рафтан 6. *перен.* ҷиҳат, ҷониб, назар, тараф; **обсуди́ть вопро́с со всех сторон** масъаларо аз ҳар ҷиҳат муҳокима кардан 7. *(свойство, качество)* ҷиҳат, сифат; **положи́тельная (отрица́тельная)** ~**а́ де́ла** ҷиҳати мусбати (манфии) кор; **воспита́тельная** ~**а́** ҷиҳати тарбиявӣ; **показна́я** ~**а** ҷиҳати руякӣ; **материа́льная** ~**а** ҷиҳати моддӣ; **си́льные и сла́бые сто́роны кни́ги** ҷиҳатҳои мусбату сусти китоб 8. *(группа людей)* тараф, ҷониб; **Высо́кие догова́ривающиеся сто́роны** *дип.* Тарафҳои олии аҳдкунанда; **побе́да на на́шей** ~**е́** ғалаба дар ҷониби мост; **напада́ющая** ~**а** тарафи ҳамлакунанда; **пре́ния сторо́н** *юр.* изҳори фикри тарафайн 9. *с предлогом «со»*: **дя́дя со** ~**ы́ ма́тери** тағо; **дед со** ~**ы отца́** бобо 10. *мат.* паҳлу; ~**а́ ку́ба** паҳлуи куб; **сто́роны треуго́льника** паҳлуҳои секунҷа 11. *в знач. нареч.* **стороно́й** аз чет, аз паҳлу; **обойти́** ~**о́й** аз чет гузаштан // *перен.* аз атроф, аз дигарон; **разузна́ть** ~**о́й** аз дигарон донистан (фаҳмидан) ◇ **в** ~**е́** 1) *(поодаль)* каме дуртар, як қадар онсутар, як қадар онтарафтар 2) *(отдельно от других)* ҷудогона, алоҳида, танҳо, мустақилона; **в сто́рону чего́-л.** ба тарафи чизе; **в сто́рону (отбро́сить** *и т. п.)* берун, ба як су (партофтан *ва ғ.*); **иди́ на все четы́ре сто́роны!** куҷо ки хоҳӣ, рав!; чор тарафат қибла!; **на** ~**е́** дар ҷои дигар, дар ҷои бегона (ғариб); **на́ сторону** ба ҷои дигар, ба берун; **на́ сторону** *(сбиться и т. п.)* ба як су, ба як лаб; **с чье́й-л.** ~**ы́** аз тарафи касе; **с мое́й (твое́й)** ~**ы** аз тарафи ман (ту), ман худам, ту худат; **с одно́й** ~**ы́... с друго́й** ~**ы́** аз як тараф... аз тарафи дигар; аввал... сонӣ...; **со** ~**ы́** (взять, пригласи́ть) аз берун, аз ҷое (гирифтан, даъват кардан); **со** ~**ы́ руково́дства** аз тарафи роҳбарият; **брать (приня́ть) чью-л. сто́рону** тарафи касеро гирифтан, касеро тарафгирӣ кардан; **держа́ть сто́рону** *кого, чью* ҳимоя кардан, тарафдорӣ кардан; **перейти́ на чью-л. сторону** ба тарафи касе гузаштан; **моё (твоё** *и т. п.)* **де́ло** ~**а́** ин кори ман (ту *ва ғ.*) нест; ин ба ман (ту *ва ғ.*) дахл надорад; **шу́тки в сто́рону** бе ҳазл, бе шухӣ ҷиддан

сторони́ться *несов.* 1. як су истодан, четтар истодан 2. *перен. кого-чего* худро дур кашидан, канор гирифтан, ҳазар кардан; ~ **о́бщества** худро аз мардум дур кашидан

сторо́нн||ий, -яя, -ее *уст. и книжн.* бегона, беруна, ғайр, аҷнабӣ; ~**ие дела́** корҳои беруна

-сторо́нний, -яя, -ее *қисми дуюми сифатҳои мураккаб ба маънои*: 1) *дорои паҳлу ё тарафҳое, ки дар қисми аввали калима нишон дода шудааст*: **пятисторо́нний** панҷтарафа; **односторо́нний** яктарафа 2) *дар тарафе мавҷудбуда*: **потусторо́нний** ондуньёӣ, охиратӣ

сторо́нник *м* тарафдор, пайрав; ~**и ми́ра** тарафдорони сулҳ

сторо́нница *женск. к* **сторо́нник**

сто́ртинг *м* стортинг *(парламенти Норвегия)*

сторублёвка *ж разг.* коғази садсумӣ (садсӯма)

сторублёв||ый, -ая, -ое садсумӣ, садсума; ~**ая облига́ция** облигацияи садсума

стосвечо́в||ый, -ая, -ое *разг.* садшамъӣ; ~**ая ла́мпочка** лампочкаи садшамъӣ

стоси́льный, -ая, -ое *тех.* садқувва, дорои қувваи сад асп; ~ **мото́р** мотори садқувваи асп

стоскова́ться *сов. по ком-чём, о ком-чём* ёд кардан, пазмон шудан; ~ **по родны́м** ба хешу табор пазмон шудан

стоу́ст||ый, -ая, -ое: ~**ая молва́** овозаю дарвоза

сточи́ть *сов. что* тарошида ҳамвор (суфта) кардан

сточи́||ться *сов.* хурда (суда) шудан; **пила́ совсе́м** ~**лась** арра тамоман хурда шудааст

сто́чка *ж (по знач. гл.* **сточи́ть**) тарошидан(и) *(дар дастгоҳи харротӣ)*

сто́чн||ый, -ая, -ое 1. шоранда, мешоридагӣ 2. обгузар, обрез; ~**ые тру́бы** қубурҳои обгузар ◇ ~**ые во́ды** оби ганда

стошни́ть *сов. кого безл.* қай кардан, партофтан; **его́ стошни́ло** вай қай кард

стоя́к *м* 1. *(стойка)* тиргак, поя, сутун; **деревя́нный** ~ сутуни чубин *(для дымохода)* мурӣ, дудкаш; **кирпи́чные** ~**и́** мурии хиштин

стоя́ни||е *с (по знач. гл.* **стоя́ть** 1—3) истодан(и), таваққуф кардан(и), рост истодан(и); ~**е на нога́х** ба по рост истодан; **уста́ть от до́лгого** ~**я** аз дуру дароз рост истодан монда шудан

стоя́нк||а *ж* 1. таваққуф, истодан(и); **вы́брать ме́сто для** ~**и** барои таваққуф ҷой интихоб кардан 2. истгоҳ, қароргоҳ иқоматгоҳ; ~**а такси́** истгоҳи таксӣ; **я́корная** ~**а** лангаргоҳи киштӣ 3. *археол.* маскан; ~**а ка́менного ве́ка** маскани одамони давраи санг

стоя́ть *несов.* 1. истодан, қарор истодан; ~ **на крыльце́** дар болои зинапоя истодан; ~ **на со́лнце (в тени́)** дар офтобруя (дар соя) истодан; ~ **на цы́почках** нуги по истодан; ~ **на коле́нях** ба зону истодан 2. кардан, истодан; ~ **у станка́** дар дастгоҳе кор кардан; ~ **в карау́ле** қаравулӣ кардан 3. истодан, қарор истодан, таваққуф кардан; **по́езд стои́т де́сять мину́т** поезд даҳ дақиқа меистад (таваққуф мекунад); **ло́шадь не стои́т на ме́сте** асп дар ҷояш қарор намеистад 4. истодан, будан, ҷорӣ набудан; **вода́ в пруду́ стои́т** оби ҳавз ҷорӣ нест; **вре́мя не стои́т** вақт мегузарад 5. кор накардан, беҳаракат будан; **часы́ стоя́т** соат хоб кардааст; **маши́на стои́т** мошин кор намекунад 6. воқеъ будан, истодан; **го́род стои́т на берегу́ реки́** шаҳр дар соҳили дарьё воқеъ аст; **по́езд стои́т на тре́тьем пути́** поезд дар роҳи сеюм истодааст; **тра́ктор стои́т под наве́сом** трактор дар таги шипанг аст; **дива́н стои́т в углу́** диван дар кунҷи хона истодааст 7. *перен.* мавҷуд будан, будан; **весна́ стоя́ла у двора** фасли баҳор наздик ома-

да буд; **стоят жаркие дни** рузҳо гарманд; **в воздухе стоял шум** дар атроф ғалоғула хакмфармо буд; **всюду стоит запах цветов** ҳама ҷоро буи гул гирифтааст; **в небе стояла луна** шаб маҳтоб буд, маҳтобшаб буд; **в глазах девочки стояли слёзы** чашмони духтарак ашколуд буд; **в комнате стоял дым** хона пур аз дуд буд; ~ **на уровне требований современности** ба талаботи ҳозира муносиб будан; ~ **у власти** дар сари ҳокимият истодан; **на повестке дня стоят три вопроса** дар рузнома се масъала ҳаст; **перед нами стоят серьёзные задачи** дар пеши мо вазифаҳои ҷиддӣ истодаанд 8. *уст. воен.* истодан, зиндагӣ кардан; ~ **в деревне** дар деҳот истодан 9. мудофина кардан, тарафдор будан; ~ **за Родину** ватанро мудофиа кардан; ~ **за дело мира** тарафдори сулҳ будан; ~ **друг за друга** ҳамдигарро тарафдорӣ кардан ◇ ~ **горой [за кого-л.]** [ба ҳимояи касе] мисли кӯҳ истодан; балогардони касе шудан; ~ **грудью** ҷонро дареғ надошта истодан; ~ **за спиной** *у кого* пушту паноҳ доштан; ~ **колом (костью) в горле** *прост.* балои ҷону тафти устухон будан; ~ **над душой чьей-л.**, у **кого-л.** мехи ҷафо барин ба сари касе истодан; ~ **на задних лапках** *перед кем* чоплусӣ (лаганбардорӣ) кардан; ~ **на одной доске** дар як қатор истодан, баробар будан; ~ **на [одном] месте** хобидан; ~ **на платформе чего-л., какой-л.** тарафдори чизе (ақидае) будан; ~ **на чьём-л. пути (чьей-л. дороге)** пеши роҳи касеро гирифтан; ~ **на своём** дар гапи худ истодан, гапи худро гузарондан; ~ **на своём посту** дар ҷои худ истодан, вазифаи худро иҷро кардан; ~ **на своих [собственных] ногах** мустақил будан; ~ **насмерть** ҷонро дареғ надошта ҷанг кардан; ~ **на стороне кого-л., чьей-л.** тарафи касеро гирифтан, касеро тарафдорӣ кардан; ~ **на страже** *чего* нигаҳбонӣ кардан; ~ **на часах** посбонӣ кардан; ~ **одной ногой в могиле (в гробу)** пой ба лаби гур расидан; ~ **перед аналоем** дар калисо никоҳ кардан; ~ **перед выбором** илоҷе надоштан; чӣ кор карданро надонистан; ~ **перед глазами** *чьими, у кого* пеши чашм истодан; ~ **поперёк горла** *у кого* ниҳоят ба танг овардан; ~ **поперёк пути (дороги) кому-л.** пеши роҳи касеро гирифтан; **не** ~ *за чем* ҳозир будан, тайёр будан; **стой(те)!** 1) *(остановись, остановитесь)* исто!, истед!; 2) *(подожди, подождите)* сабр кун(ед)!, ист(ед)!; **стойте, я знаю, как поступить** истед, ман ҳамин хел кардани

стоячǁий, -ая, -ее 1. рост, ростистода; ~**ий воротник** гиребони рост 2. мурда, ғайриравон, кулшуда; ~**ая вода** оби мурда ◇ **в** ~**ем положении** 1) *(на ногах)* рост истода; 2) *(вертикально)* амудӣ, рост

стоящǁий, -ая, -ее 1. *прич.* арзанда, меарзидагӣ 2. *прил.* лоиқ, сазовор, сара, кирои; ~**ая картина** расми сара стоящий *прич.* истода, меистодагӣ

страбизм *м мед. см.* **косоглазие**

стравить I *сов.* 1. *кого* барангехтан, ҷанг андохтан, киш-киш додан; ~ **собак** сагҳоро ба ҷанг андохтан; ~ **противников** душманонро барангехтан 2. *что* помол кардан; **козы стравили капусту** бузҳо карамро помол карданд 3. *что прост. и с.-х.* хуронда сарф кардан; ~ **весь корм скоту** тамоми ему хошокро ба чорвоён хуронда сарф кардан 4. *что разг.* нест (нобуд) кардан; ~ **мозоль** обиларо нест кардан

стравить II *сов. мор.* суст кардан

стравливание *с (по знач. гл.* **стравить** I) барангехтан(и), ҷанг андохтан(и); помол кардан(и)

стравливать *несов. см.* **стравить** I

страгивать *несов. см.* **стронуть**

страдǁа *ж* 1. *с.-х.* авҷи кор; **в** ~**у** дар авҷи кор 2. *перен.* машаққат, заҳмат

страдалец *м* ҷафокаш, азобдида, ситамдида

страдалица *женск. к* **страдалец**

страдальческǁий, -ая, -ое пуразоб, пуралам, ғамгин, аламнок, пурҷафо; ~**ое выражение лица** чеҳраи ғамгин; ~**ий взгляд** нигоҳи пурдард; ~**ий вид** қиёфаи пуралам

страданиǁе *с* азоб, алам, дарду алам, ҷафо, кулфат; **физические** ~**я** азоби ҷисмонӣ; **нравственные** ~**я** азоби руҳӣ; **испытывать** ~**я** азоб кашидан (дидан); **причинять** ~**е** азоб додан

страдательный, -ая, -ое *грам.* мафъул; ~ **залог** тарзи мафъул

страдать *несов.* 1. *от чего, чем и без. доп.* азоб дидан, алам (ҷафо) кашидан, ранҷ бурдан; ~ **от головной боли** азоби дарди сар дидан; **невыносимо** ~ сахт алам кашидан 2. *за кого-что* ғам хурдан, дил сухтан, дилсӯзӣ кардан; азоб (ҷафо) кашидан; ~ **за сына** азоби писарро кашидан; ~ **за правду** дар роҳи ҳақиқат ҷафо кашидан 3. *чем* доштан; ~ **рассеянностью** парешонхотир будан; ~ **самомнением** худписанд будан; **книга страдает неточностями** китоб хатоҳо дорад 4. *от чего* зарар дидан; ~ **от наводнения** аз обхез зарар дидан; **сады страдают от засухи** боғҳо аз бебороиӣ зарар мебинанд 5. *без доп.* бад будан; **у него страдает произношение** талаффузи у бад аст 6. *по ком-чём, по кому-чему разг.* пазмон шудан, ёд кардан; ~ **по семье** оиларо ёд кардан

страднǁый, -ая, -ое 1. ...и авҷи кор; ~**ая пора** мавсими авҷи кор 2. *перен.* ...и машаққат, ...и заҳмат

страж *м* посбон, нигаҳбон; ~ **мира** посбони сулҳ

стражǁа *ж* посбонон, посбонӣ; **пограничная** ~**а** посбонони сарҳаддӣ; **лесная** ~**а** *уст.* посбонони ҷангал; **стоять на** ~**е** посбонӣ кардан, дар посбонӣ истодан ◇ **быть на** ~**е** посбонӣ кардан; **быть на** ~**е мира** сулҳро посбонӣ кардан; **быть на** ~**е чьих-л. интересов** манфиати касеро тарафдорӣ (ҳимоя) кардан; **под** ~**ей** дар ҳабс будан, маҳбус будан; **взять (заключить) под** ~**у** ҳабс кардан

стражник *м уст.* посбон, қаравул

страз *м уст.* страз *(санги қиматбаҳои сунъӣ)*

стразовǁый, -ая, -ое ...и страз, стразӣ; ~**ое ожерелье** шаддаи стразӣ

странǁа *ж* 1. кишвар, диёр, сарзамин; **дальние страны** кишварҳои дур; **жаркие страны** кишварҳои гарм 2. мамлакат; **Страна Советов** Мамлакати Советҳо; **страны народной демократии** мамлакатҳои демократияи халқӣ; **страны социализма** мамлакатҳои социализм; **зарубежные страны** мамлакатҳои хориҷӣ; **поездка по** ~**е** сафари мамлакат; **по всей** ~**е** дар тамоми мамлакат **четыре** ~**ы света** чор тарафи олам

странгуляция *ж мед.* хафа (буғӣ) кардан(и)

страницǁа *ж* 1. саҳифа; **в книге сто страниц** китоб сад саҳифа дорад; **нумеровать** ~**ы** ба саҳифаҳо рақам гузоштан; **перелистывать** ~**ы** варақ задан 2. *перен.* давра, марҳала; **славные** ~**ы истории СССР** саҳифаҳои пурифтихори таърихи СССР; **новая** ~**а биографии писателя** марҳалаи нави ҳаёти нависанда ◇ **вписать новую** ~**у** *во что* саҳме гузоштан; **открыть новую** ~**у** *в чём* саҳифаи нав кушодан

странник *м* 1. *уст.* дарвеш, қаландар 2. *перен. поэт.* мусофир

странница *женск. к* **странник**

странническǁий, -ая, -ое ...и дарвеш; ...и қаландар; ...и мусофир, мусофирӣ; ~**ая жизнь** мусофирӣ

странно *нареч.* 1. аҷаб, ғалатӣ, аҷабо; **он** ~ **говорит** вай ғалатӣ гап мезанад 2. *в знач. сказ. безл.* аҷабо, аҷаб аст; **это очень** ~ ин бисьёр аҷиб аст; **как ни** ~... аҷаб бошад ҳам...; ~, **что его нет** аҷаб аст, ки у ҳозир нест

странноприимный, -ая, -ое: ~ **дом** ғарибхона

странносǁ**ть** *ж* 1. аҷибӣ, аҷоиб (ғалатӣ) будан(и); ~**ть поведения** аҷибии рафтор 2. *чаще мн.* **странности** хислатҳои (рафтори) аҷоиб; **он отличается** ~**тями** вай хислатҳои аҷоиб дорад; **человек со** ~**тями** одами аҷоиб (кинзиқ) ◇ **что за** ~**ть!** аҷаб!

страннǁый, -ая, -ое (странен, странна, странно) 1. аҷиб, аҷоиб, ғариб, ғалатӣ; ~**ое поведение** рафтори аҷоиб; ~**ая точка зрения** нуқтаи назари ғалатӣ 2. *уст.* мусофир; ~**ые люди** мусофирон, аҳли сафар

страноведение *с* мамлакатшиносӣ

страноведческий, -ая, -ое ...и мамлакатшиносӣ

странствиǁе *с уст.* саёҳат, сафар; **дальние** ~**я** саёҳати кишварҳои дур; **пуститься в** ~**е** ба сафар раҳсипор шудан

странствование *с (по знач. гл.* **странствовать**) саёҳат (сафар) кардан(и)

странствовать *несов.* саёҳат (сафар) кардан; ~ **по горам** дар кӯҳистон саёҳат кардан

странствующǁий, -ая, -ее 1. *прич.*

мусофир 2. *прил.* сайёр; ~ие **певцы** ҳофизони (мутрибони) сайёр

стрáстно *нареч.* гарму ҷушон, бо эҳтирос; ~ **любить мýзыку** мусиқиро гарму ҷушон дуст доштан

стрáстность *ж* 1. шиддат, эҳтирос; ~ **желáния** эҳтироси ҳавас 2. шавқмандӣ, озмандӣ 3. пуршаҳватӣ, шаҳватпарастӣ

стрáстн||ый, -ая, -ое (стрáст|ен, -на, -но) 1. боэҳтирос, пурҳарорат, пурҷушухуруш; ~**ые спóры** бахсҳои пурҷушу хуруш; ~**ая мольбá** зориву илтиҷо 2. бошавқу завқ, пурғайрат, озманд 3. *(чувственный)* пуршаҳват, шаҳвонӣ, шаҳватпараст

страсть I *ж* 1. рағбат, шавқ; ~ **к мýзыке** шавқи мусиқӣ 2. ишқ, ишқи шаҳвонӣ; **безýмная** ~ ишқи ҷунунӣ; **быть охвáченным** ~ю гирифтори шаҳват будан

страст||ь II *ж прост.* 1. *(ужас)* воҳима, даҳшат, ваҳшат // *чаще мн.* **стрáсти** тарсу ваҳм, даҳшат; **что за** ~**и вы расскáзываете!** шумо чӣ даҳшатро накл карда истодаед! 2. *в знач. нареч. прост.* хеле, ниҳоят, аз ҳад зиёд 3. *в знач. нареч.* бисьёр, ҷудо бисьёр, калон, бисьёр калон; ~**ь, что за дыня!** аҷаб харбузан калон аст!; **нарóда там** ~**ь** он ҷо мардум ҷудо бисьёр ◇ **до** ~**и** беандоза, ниҳоят

стратéг 1. *воен.* сипаҳсолор, лашкаркаш 2. *перен.* роҳбар, пешво

стратегическ||ий, -ая, -ое 1. ...и стратегия, стратегӣ; ~**ое вооружéние** аслиҳаи стратегӣ; ~**ое искýсство** маҳорати стратегӣ; ~**ая наступáтельная оперáция** амалиёти стратегии ҳамла 2. *перен.* рузмарра, муҳим; ~**ий лóзунг** шиори рузмарра

стратéгия *ж* 1. стратегия, санъати ҷанг 2. *перен.* ҳунари роҳбарӣ, санъати роҳбарӣ

стратигрáфия *ж геол.* стратиграфия, чиншинигорӣ, чиншиносӣ

стратонавт *м ав.* стратонавт

стратостáт *м ав.* стратостат

стратосфéра *ж* стратосфера *(қисми атмосфера, ки ҳудуди пои он дар арзи муътадил дар баландии 8—12 км ва дар тропик дар баландии 15—18 км мебошад)*

стратосфéрн||ый, -ая, -ое ...и стратосфера; ~**ые слой** қабати стратосфера

стрáус *м* шутурмурғ; **африкáнский** ~ шутурмурғи африкағӣ

стрáусов||ый, -ая, -ое ...и шутурмурғ; ~**ые пéрья** пари шутурмурғ

страусятник *м* шутурмурғхона

страх *м* 1. тарс, ваҳм, ҳарос, бим, хавф; **чýвство** ~**а** ҳисси бим; **в смертельном** ~**е** аз бими аҷал; **бледнеть от** ~**а** аз тарс ранг паридан; **дрожáть от** ~**а** аз тарс ларзидан; **натерпéться** ~**у** хеле тарсидан // *мн.* **стрáхи** *разг.* даҳшат, ваҳшат; **емý чýдились всякие** ~**и** вай ба тарсу ваҳми бисьёр меафтод; **все** ~**и исчéзли** ҳеҷ хавф намонд 2. *в знач. нареч. прост.* хеле, бисьёр, аз ҳад зиёд, бениҳоят; **он** ~ **как любит мýзыку** вай мусиқиро хеле дӯст медорад ◇ **рыцарь без** ~**а и упрёка** баҳодури бебоку пок; **на свой** ~ **и риск** таваккал карда; ҷон ба каф гирифта [*коре кардан*]; **не за** ~, **а за сóвесть** аз руи виҷдон; **под** ~**ом чегó-л.** аз тарси чизе; **под** ~**ом смéрти** аз тарси марг; ~**а рáди** тарсида, аз руи тарс; **держáть в** ~**е** тарсонда гирифтан; **у** ~**а глазá велики** *погов.* тарсончак чор чашм дорад

страхделегáт *м* (страховой делегат) вакили бима, вакили суғурта

страхкáсса *ж* (страховая кáсса) кассаи суғурта

страховáние *с* суғурта, бима, суғуртакунӣ; ~ **жизни** суғуртакунии ҳаёт; ~ **имýщества** суғуртакунии мулк; **социáльное** ~ суғуртаи иҷтимоӣ; **госудáрственное** ~ суғуртаи давлатӣ

страхователь *м* суғуртакунанда, суғуртакунонанда

страховáть *несов.* 1. *кого-что* суғурта кардан (кунондан); ~ **имýщество** молу мулкро суғурта кардан 2. *кого перен.* пешгирӣ кардан, пешакӣ ҳимоя кардан, пеши *чизеро* гирифтан; ~ **себя от напáдок** худро аз ҳуҷумҳо пешакӣ ҳимоя кардан 3. *кого спорт.* пешгирӣ (ҳимоя) кардан

страховáться *несов.* 1. худро суғурта кардан; ~ **от пожáра** аз офати сухтор суғурта кардан 2. *страд.* суғурта карда шудан

страхóвка *ж* 1. *(по знач. гл.* **страховáть)** суғурта кардан(и); таъмин кардан(и), таъминот; пешгирӣ, пешакӣ ҳимоя кардан(и) 2. *разг. (договор)* шартномаи суғурта 3. *(премия)* пули суғурта, ҳаққи суғурта, пули бима 4. *(взнос)* ҳаққи суғурта

страховóй, -áя, -óе 1. ...и суғурта, суғуртагӣ; ~ **пóлис** шартномаи суғурта; ~ **взнос** ҳаққи суғурта, суғуртапулӣ; ~ **агéнт** агенти идораи суғурта 2. *перен.* захиравӣ, эҳтиётӣ; ~ **семеннóй фонд** фонди эҳтиётии тухмӣ

страхóвочный, -ая, -ое ...и эҳтиёт; ~ **ремéнь** тасмаи (банди) эҳтиёт

страхóвщик *м* суғуртакунанда; муассисаи суғуртакунӣ

страшúла *м, ж. см.* **страшúлище**

страшúлище *с разг.* ҳайбата, ғул

страшú||ть *несов. кого-что* тарсондан, ваҳмондан; **его** ~**т мысль о разлýке** фикри фирок уро ба воҳима меандозад

страшúться *несов.* тарсидан, ваҳмидан, ҳаросидан

стрáшно 1. *нареч.* даҳшатнок, воҳиманок; **он** ~ **выглядит** намуди ӯ даҳшатнок аст 2. *нареч. разг. (очень)* бисьёр, ҷудо; **он** ~ **занят** вай бисьёр банд аст; **я** ~ **гóлоден** шикамам танбур менавозад 3. *в знач. сказ.* даҳшатнок аст, хатарнок аст, хатар дорад; **им стáло** ~ онҳо тарсиданд; **здесь** ~ **оставáться** дар ин ҷо мондан хатарнок аст

стрáшн||ый, -ая, -ое (стрáш|ен, -нá, -но) 1. даҳшатнок, даҳшатангез, мудҳиш, ҳавлнок; ~**ый расскáз** ҳикояи даҳшатангез; ~**ый слýчай** ходисаи даҳшатнок; ~**ый сон** хоби мудҳиш 2. хатарнок, хавфнок; ~**ая болезнь** бемории хатарнок 3. *разг.* сахт, шадид, шиддатнок, баланд; ~**ая жарá** гармии сахт; ~**ый кáшель** сулфаи сахт; ~**ый шум** ғалоғулаи баланд ◇ **стрáшный суд** рузи қиёмат; **сделать** ~**ые глазá** сахт ҳайрон шудан; **не так стрáшен чёрт, как его мáлюют** *посл.* ≈ агар тарсӣ, яке ҳазор намояд; тарсончак чор чашм дорад

стращáть *несов. кого разг.* тарсондан, ҳаросондан

стрéжень *м обл.* чуқуроба

стрежневóй, -áя, -óе *обл.* ...и чуқуроба

стрекáч: **дать** ~**а** *прост.* тез (шиппи) гурехтан, думро хода кардан

стрекоза *ж* 1. сузанак 2. *перен.* шайтонча, балоча *(дар бораи духтарчаи шух)*

стрекóзий, -ья, -ье ...и сузанак

стрекозúный, -ая, -ое ...и сузанак

стрéкот *м* чиррос, чир-чир; ~ **цикáд** чирроси чирчиракҳо; ~ **выстрелов** қарсоси тирпарронӣ

стрекотáние *с* (*по знач. гл.* **стрекотáть**) чиррросзанӣ, чир-чиркунӣ; ~ **кузнéчиков** чиррросзании малахи боғӣ

стреко||тáть *несов.* 1. чиррос задан, чир-чир кардан; **сорóки грóмко стрекочут** аккаҳои думдароз сахт чиррос мезананд 2. *перен. разг.* шақ-шақ кардан, шаққос задан, бисьёр тез гап задан

стрекотня *ж см.* **стрéкот**

стрекулúст *м уст. прост. пренебр.* мирзоча, корчаллон

стрел||а *ж* 1. тир, ҳаданг; **колчáн со стрéлами** тирдони пур аз тир; **прямóй, как** ~**á** тир барин рост; **пустúть** ~**ý** тир андохтан 2. *бот.* тана, поя 3. *тех.* тир; ~**á подъёмного крáна** тири крани борбардор 4. *в знач. нареч.* **стрелóй** тир барин, тез, парида; **мчáться** ~**óй** тир барин рафтан, парида рафтан ◇ ~**á насмéшки** тири истеҳзо; **вылететь** ~**óй** тир барин баромадан, дартоз рафтан, парида рафтан

стрелéц *м* 1. *ист.* стрелец *(сарбози қушуни Давлати Москва дар асрҳои 16—17)* 2. *астр.* (С *прописное)* бурҷи Қавс

стрелéцк||ий, -ая, -ое *ист.* ...и стрелец; ~**ая слободá** деҳаи стрелецҳо

стрéлк||а *ж* 1. ақрабак, мил; **минýтная** ~**а** ақрабаки дақиқашумор; **часовáя** ~**а** ақрабаки соатнамо; ~**а кóмпаса** ақрабаки қутбнамо; **перевестú** ~**и часóв** ақрабакҳои соатро гардондан 2. *(знак)* аломати тир 3. *геогр.* забона; 4. *ж.-д.* стрелка; **автоматúческая** ~**а** стрелкаи автоматӣ; **перевестú** ~**у** стрелкаро гардондан 5. *бот.* навда

стрелковáние *с бот.* навдадавонӣ, навдабарорӣ, нардзанӣ

стрелков||ый, -ая, -ое тирандоз, ...и тирандозӣ; ~**ые соревновáния** мусобиқаи тирандозӣ; ~**ое орýжие** *воен.* аслиҳаи оташфишон

стреловúдн||ый, -ая, -ое тирмонанд, тиршакл; ~**ые лúстья** баргҳои тирмонанд

стрело́к *м* тирандоз; **ме́ткий** ~ тирандози моҳир, мерган

стрелоли́ст *м бот.* тирбарг

стре́лочник *м ж.-д.* стрелкачи *(коргари роҳи оҳан, ки ба воситаи стрелка поездро аз як хати роҳи оҳан ба дигаре мегузаронад)*

стрельб||а́ *ж* тирпарронӣ, тирандозӣ, оташфишонӣ; **артиллери́йская** ~**а́** түппарронӣ; **пулемётная** ~**а́** пулемётпарронӣ; **откры́ть** ~**у́** тирпарронӣ сар кардан; **прекрати́ть** ~**у́** тирпарронӣро бас кардан

стре́льбище *с* майдони машқи тирпарронӣ

стрельну́ть *сов. однокр. к* **стрелять** 1, 2; ~ **из ружья** аз милтиқ як бор тир андохтан

стре́льчат||ый, -ая, -ое *архит.* равоқӣ; ~**ые о́кна** тирезаҳои равоқӣ ◇ ~**ый лук** пиёзи тухмӣ

стре́лян||ый, -ая, -ое 1. бо тир кушташуда; ~**ая дичь** сайди бо тир кушташуда 2. ҷангдида, ботаҷриба; ~**ые бойцы́** ҷанговарони ботаҷриба 3. кор фармудашуда; ~**ые гильзы** гильзаҳои кор фармудашуда ◇ ~**ый воробе́й**, ~**ая пти́ца** мурғи домдида, гурги борондида

стреля́||ть *несов.* 1. тир андохтан (задан, холӣ кардан), паррондан, бо тир куштан; ~**ть из винто́вки** милтиқ паррондан; ~**ть в цель** ба нишон тир холӣ кардан; ~**ть дичь** сайд задан; **он хорошо́** ~**ет** вай тирандози моҳир аст; **ружьё не** ~**ет** милтиқ кор намекунад 2. *безл. разг.* хала (сих) задан; **в у́хе** ~**ет** гуш сих мезанад 3. *перен.* шақаррос задан, шақар-шақар кардан 4. *что перен. прост. (просить)* ба зур ёфтан (руёндан) ◇ ~**ть глазами** 1) тез назар андохтан, нигоҳи тез андохтан; 2) *(кокетничать)* назарбозӣ кардан, чашмакӣ задан; ~**ть из пу́шек по воробья́м** аз барои як кайк гилемро сухтан; ~**ть холосты́ми заря́дами** пахтапарронӣ кардан

стреля́ться *несов.* 1. *уст. (на дуэли)* якдигарро паррондан, ба якдигар тир андохтан 2. худро паррондан 3. *страд.* тир андохта (парронда) шудан

стремгла́в *нареч.* бо шитоб, шитобон, бисьёр тез; **бежа́ть** ~ бо шитоб тохтан

стременн||о́й, -а́я, -ое ...и рикоб, ...и узангу; ~**ые ремни́** тасмаҳои узангу

стре́мечко *с* 1. *уменьш. к* **стре́мя** I 1; 2. *анат.* кубак *(як узви гуш)*

стреми́тельность *ж* суръат, шиддат, тезӣ, тундутезӣ; чаққонӣ, ғайратнокӣ; ~ **движе́ний** тундутезии ҳаракат; ~ **ре́чи** шиддати нутқ

стреми́тельн||ый, -ая, -ое (стремите|лен, -льна, -льно) 1. тез, тунду тез, босуръат, шадид; ~**ый нати́ск** ҳамлаи тунду тез; ~**ый пото́к** ҷараёни тез; ~**ая жизнь** ҳаёти пурҷушу хуруш 2. чаққон, пурғайрат; ~**ый челове́к** одами пурғайрат, одами чаққон

стреми́ться *несов.* 1. орзу кардан, саъй (кушиш) кардан, иштиёқманд будан; ҷидду ҷаҳд кардан; ~ **уе́хать** барои рафтан кушиш кардан: ~ **к зна́ниям** барои дониш ҷидду ҷаҳд кардан; ~ **к ми́ру** сулҳ хостан; **цветы́ стремятся к со́лнцу** гулҳо ба офтоб майл мекунанд 2. *книжн.* шитобон (босуръат) рафтан, шитофтан; **ту́чи стремя́тся к се́веру** абрҳои сиёҳ босуръат ба тарафи шимол мераванд

стремле́ни||е *с* орзу, иштиёқ, шавқу рағбат, саъю кушиш; ~**е к зна́ниям** шавқу рағбати дониш; **хоро́шие** ~**я** орзуҳои нек

стремни́н||а *ж* 1. гирдоб, гуми дарьё 2. ҷари чуқур, варта, партгоҳ; **стоя́ть над** ~**ой** дар лаби партгоҳ истодан

стремни́нный, -ая, -ое ...и гирдоб, ...и гуми дарьё

стремни́стый, -ая, -ое (стремни́ст, -а, -о) *уст. книжн.* шах; серхарсанг; ~ **бе́рег** соҳили серхарсанг

стре́мя I *с* 1. рикоб, узангу; **вдеть но́гу в** ~ по ба узангу мондан; **укороти́ть стремена́** тасмаҳои узангуро кутоҳ кардан; **стоя́ть в стремена́х** по ба узангу монда рост истодан 2. *см.* **стре́мечко** 2

стре́мя II *с уст. и обл.* **стремни́на** 1

стремя́нка *ж* нардбонча; нардбони таноби

стремя́нный, -ая, -ое 1. ...и узангу, ...и рикоб 2. *в знач. сущ. м, ист.* саис; рикобдор

стре́нга *ж мор., тех.* тори таноб

стрено́живать *несов. см.* **стрено́жить**

стрено́жить *сов. кого* кишанг кардан (задан, андохтан); ~ **ло́шадь** аспро кишанг кардан

стре́пет *м зоол.* дуғдоғ

стрептоко́кк *м бакт.* стрептокок

стрептоко́кков||ый, -ая, -ое ...и стрептокок, стрептококӣ; ~**ая анги́на** ангинаи стрептококӣ

стресс *м* стресс

стреха́ *ж* пореса, полеса

стрига́льн||ый, -ая, -ое *тех.* тарошанда, пашмтарошӣ; ~**ая маши́на** мошини пашмтарошӣ

стрига́льщик *м* 1. тарошанда, коргари мошини тарошанда 2. *с.-х.* тарошанда, мутахассиси пашмтарошӣ

стригу́н *м* той яксола, той ёлбурида

стригуно́к *м см.* **стригу́н**

стригу́щий, -ая, -ее *прич., прил.* тарошанда ◇ ~ **лиша́й** *мед.* шукуфа, кубо

стриж *м зоол.* досак, абобил

стри́женный *прич.* (стри́жен, -а, -о) буридашуда, тарошидашуда

стри́жен||ый, -ая, -ое бурида, буридашуда, муйбурида, тарошидашуда; ~**ые во́лосы** муйҳои бурида

стри́жк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **стричь**) қайчӣ кардан(и), тарошидан(и), гирифтан(и); ~**а воло́с** гирифтани муи сар; **маши́нка для** ~**и** мошинкаи сартарошӣ, мошинкаи пашмтарошӣ 2. муймонӣ; **коро́ткая** ~**а** кутоҳ муй мондан

стрипти́з *м* стриптиз *(намоиши эстрадӣ дар баъзе мамлакатҳои хориҷа, ки ҳангоми он занону духтарон дар пеши тамошобинон то луб-луч шудан ба тадриҷ либоси худро мекашанд)*

стрихни́н *м мед., хим.* стрихнин *(як хел заҳри қотил)*

стричь *несов.* 1. *кого-что* қайчӣ кардан, гирифтан, тарошидан; ~ **во́лосы** муйсарро гирифтан; ~ **ове́ц** пашми гусфандонро тарошидан; ~ **кусты** буттаҳоро буридан; ~ **ногти** нохун гирифтан 2. *что* рах-рах буридан; ~ **бума́гу** коғазро рах-рах буридан ◇ ~ **купо́ны** суд хурдан, фоида гирифтан; ~ [**всех**] **под одну́ гребёнку** ҳамаро бо як газ чен кардан

стри́чься *несов.* 1. муйсарро кутоҳ кунондан (гирондан, перостан, пероиш кунондан); **он стрижётся у знакомого парикма́хера** вай муйсарашро дар назди сартароши шинос мегиронад; **ему́ пора́** ~ вай бояд муйсарашро кутоҳ кунонад 2. муйсари кутоҳ доштан; **она́ переста́ла** ~ вай дигар муйсарашро кутоҳ намекунонад 3. *страд.* қайчӣ карда шудан, тарошида шудан

строга́ль *м разг. см.* **строга́льщик**

строга́льный, -ая, -ое ...и рандагарӣ, рандакорӣ, тарошанда; ~ **стано́к** дастгоҳи рандакорӣ

строга́льщик *м* рандагар

строга́ние *с (по знач. гл.* **строга́ть**) ранда кардан(и), тарошидан(и)

стро́ганный *прич.* (строган, -а, -о) ранда кардашуда, тарошидашуда

строганый, -ая, -ое тарошида

строга́ть *несов. что* ранда кардан, тарошидан; ~ **до́ску** тахтаро ранда кардан; ~ **рубанком** бо ранда тарошидан

строг||ий, -ая, -ое (строг, -а́, -о) 1. сахтгир, сахтмуомила; ~**ий учи́тель** муаллими сахтгир; ~**ие роди́тели** падару модари сахтгир 2. сахт, қатъӣ; аниқ, дақиқ; ~**ая дие́та** парҳези сахт; ~**ий порядок** тартиботи қатъӣ; ~**ий учёт** ҳисоботи аниқ 3. сахт, ҷиддӣ, қатъӣ; ~**ие ме́ры** чораҳои қатъӣ; ~**ий тон** оҳанги ҷиддӣ; ~**ое взыска́ние** ҷазои сахт; ~**ое правило** қоидаи сахт 4. ҷиддӣ, бекарруфар; ~**ие че́рты лица́** қиёфаи ҷиддӣ; ~**ий костюм** костюми бекарруфар; ~**ая причёска** ороиши соддаи муйсар 5. ҷиддӣ; ~**ие нравы** ахлоқи ҷиддӣ; **челове́к** ~**их пра́вил** одами ҷиддӣ 6. *обл. охот.* хушьёр; ~**ая соба́ка** саги ҳушьёр

стро́го *нареч.* 1. сахтгирона, сахт; ~ **воспи́тывать** сахтгирона тарбият кардан; ~ **спрашивать** сахт талаб кардан 2. қатъӣ, сахт; ~ **соблюда́ть дие́ту** сахт парҳез кардан 3. сахт, ҷиддӣ: ~ **наказа́ть** сахт ҷазо додан 4. одмиёна, оддӣ; ~ **одева́ться** либосҳои одмиёна пушидан 5. ҷиддӣ; ~ **держа́ться** ҷиддӣ рафтор кардан ◇ **стро́го-на́строго** бисьёр сахт, қатъӣ, бисьёр ҷиддӣ

стро́гост||ь *ж* 1. сахтгирӣ, сахтгирона будан(и), ҷиддият, қатъият, сахтӣ; ~**ь воспита́ния** сахтгирона будани тарбият 2. сахтӣ; ~**ь дие́ты** сахтии парҳез 3. сахтӣ; ~**ь наказа́ния** сахтии ҷазо 4. бекарруфар будан(и); ~**ь костю́ма** бекарруфар будани костюм

5. чиддият; ~ь поведения чиддияти рафтор 6. *обл.* (*чуткость*) хушьёрӣ 7. *чаще мн.* строгости тартиботи сахт; ввестӣ ~и тартиботи сахт ҷорӣ намудан

строевик *м воен.* сафдор

строев||ой I, -ая, -ое *воен.* сафӣ, сафдорӣ; ~ая **подготовка** машқи сафдорӣ; **устав** ~**ой службы** устави хизмати сафӣ

строев||ой II, -ая, -ое иморатбоб; ~ой **лес** чӯби иморатбоб; ~ая **сосна** санавбари иморатбоб

строени||е *с* 1. бино, иморат; **кирпичное** ~е бинои хиштин; **заводские** ~я биноҳои завод 2. сохт; ~е **атома** сохти атом; ~е **земной коры** сохти қишри Замин; ~е **человеческого организма** сохти организми инсон

строже *сравн. ст. к* **строгий** *и к* **строго**; **действовать** ~ сахттар рафтор кардан; **взыскать** ~ сахттар ҷазо додан; **стать** ~ ҷиддитар (сахттар) шудан

строител||ь *м* 1. бинокор, меъмор; **инженер-**~**ь** инженери бинокор; ~и **метро** бинокорони метро 2. *перен.* бинокор; ~и **коммунизма** бинокорони коммунизм

строительно-дорожн||ый, -ая, -ое ...и роҳсозӣ; ~ые **машины** мошинҳои роҳсозӣ

строительно-монтажный, -ая, -ое ...и бинокорию васлгарӣ

строительно-отделочн||ый, -ая, -ое ...и пардози роҳ; ~ые **машины** мошинҳои пардози роҳ

строительн||ый, -ая, -ое ...и бинокорӣ, ...и бино; ~ые **материалы** масолеҳи бинокорӣ; ~ые **рабочие** бинокорон; ~ый **сезон** мавсими бинокорӣ; **студенческие** ~ые **отряды** отрядҳои бинокории студентон

строительский, -ая, -ое ...и бинокор

строительств||о *с* 1. сохтан(и), сохтмон(и), бинокорӣ; ~о **новых кварталов** сохтмони маҳаллаҳои нав; **сельское** ~о сохтмони деҳот 2. бинокорӣ, сохтмон; **работать на** ~е дар бинокорӣ кор кардан 3. *перен.* сохтмон; **задачи хозяйственного** ~а вазифаҳои сохтмони хоҷагӣ; **социалистическое** ~о сохтмони социалистӣ; ~о **коммунизма** сохтмони коммунизм ◇ **зелёное** ~о дарахтшинонӣ

строить *несов.* 1. *что* сохтан, бино кардан, андохтан; ~ **заводы** заводҳо бино кардан; ~ **жилые дома** хонаҳои истиқоматӣ сохтан; ~ **каналы** канал кофтан 2. *что перен.* бино кардан, сохтан; ~ **коммунизм** коммунизм сохтан; ~ **новую жизнь** ҳаёти нав сохтан 3. *что перен.* кардан, сохтан; ~ **планы** планҳо сохтан; ~ **себе иллюзии** хаёли ботил кардан 4. *что мат.* тартиб додан, кашидан; ~ **параллелограмм** параллелограмм кашидан 5. *кого-что* саф кашондан; ~ **ребят** бачаҳоро саф кашондан; ~ **ряды** саф кашидан 6. *что* тартиб додан, сохтан; ~ **фразу** ҷумла сохтан 7. *что на чём* (*основывать*) асос кардан, тартиб додан; ~ **доклад на цифровых данных** маърӯзаро дар асоси маълумоти рақамӣ тартиб додан ◇ ~ **воздушные замки** бар об нақша кашидан; ~ **из себя** *кого* худро вонамуд кардан; ~ **козни** макру ҳила кардан; ~ **куры** *кому шутл.* занбозӣ (занакабозӣ) кардан; карашма (ишва) кардан; ~ **на песке** хомхаёлӣ кардан; ~ **глазки** *кому* назарбозӣ кардан, чашмакӣ задан; ~ **рожу (рожи)** *прост.* лабу даҳонро каҷ кардан

строить *сов. что* сечанд (сеқат) кардан

строиться *несов.* 1. ба худ хона андохтан (сохтан); **начать** ~ ба хонасозӣ шурӯъ кардан 2. саф кашидан; **стройся!** саф каш! 3. *страд.* сохта шудан, бино карда шудан, андохта шудан

строй I *м* 1. сохт; **государственный** ~ сохти давлатӣ; **общественный** ~ сохти ҷамъиятӣ; **советский социалистический** ~ сохти советии социалистӣ; **колхозный** ~ сохти колхозӣ 2. *грам.* сохт; **грамматический** ~ **языка** сохти грамматикии забон 3. *муз.* оҳанг, ҷӯршавӣ, созшавӣ 4. *перен. уст. книжн.* соз будан(и)

стро||й II *м воен.* саф, қатор; **конный** ~й сафи саворон; **пеший** ~й сафи пиёдақушун; **развёрнутый** ~й сафи паҳн; **рассыпной** ~й сафи пароканда; **сомкнутый** ~й сафи зич; **встать в** ~й ба саф даромадан; **стоять в** ~ю дар саф истодан (будан); ~й **кильватера** *мор.* сафи қофила ◇ **ввести в** ~й *кого-что* ба кор даровардан; **вступить (войти) в** ~й ба кор даромадан; **вывести из** ~я *кого-что* аз кор баровардан; **выйти из** ~я аз кор баромадан

стройк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **строить** 1, 2) бинокунӣ, сохтан(и), бино кардан(и) 2. бинокорӣ, сохтмон; **важнейшие** ~и **пятилетки** муҳимтарин сохтмонҳои панҷсола; **комсомольская** ~а сохтмони комсомолӣ; **на** ~е **дома** дар бинокории хона; **пусковая** ~а сохтмони ба истифода додашаванда

стройматериалы *мн.* масолеҳи бинокорӣ

стройно *нареч.* 1. мутаносиб, ба таври мутаносиб (мавзун, мунтазам); ~ **шагать** ба таври мутаносиб қадам мондан 2. ҷӯр шуда, мавзун; ~ **петь** мавзун сурудан 3. равон, пай дар ҳам, мавзун; ~ **излагать** равон баён кардан

стройность *ж* 1. хушқаддуқоматӣ, хушандомӣ; ~ **фигуры** мавзунии қомат 2. хушоҳангӣ; ~ **исполнения** хушоҳангии иҷро 3. таносуб, мавзунӣ, мунтазамӣ; ~ **изложения** мунтазамии баёнот

стройн||ый, -ая, -ое (строен, стройна, стройно) 1. хушқадду қомат, хушандом, мавзун; ~ая **фигура** қомати мавзун 2. хушоҳанг, ҷӯр 3. мутаносиб, мунтазам, равон, мавзун; ~ая **речь** нутқи равон; ~ое **изложение** баёноти мунтазам 4. мунтазам; ~ые **ряды** қаторҳои мунтазам

строк||а *ж* сатр, хат; **начать с новой** ~и аз сатри нав сар кардан; **дописать** ~у сатрро навишта тамом кардан; **красная** ~а сарсатр ◇ ~а **в** ~у (**в строку**) айнан, ҳарф ба ҳарф; **читать между строк** маънии ниҳонии чизеро фаҳмидан; **не всякое лыко в строку** ҳар чизи майда-чуйдаро айб шумурдан раво нест, на дар ҳар кор хурдагирӣ раво бошад

строкоотливной, -ая, -ое *полигр.* сатррез

стронуть *сов. кого-что разг.* ҷунбондан, тела додан, ба ҳаракат даровардан; ~ **с места** тела дода ба ҳаракат даровардан

строн||уться *сов. разг.* ба ҳаракат даромадан, ҳаракат кардан; **в полдень обоз** ~улся **с места** дар нисфи рӯз корвон ба ҳаракат даромад

стронций *м хим.* стронций (*элементи химиявӣ, металли сабуки нуқраранг*)

строп *м* ҳалқа, банд, чангак, тасма

стропило *с стр.* болор, дастак, шоҳтир

стропильный, -ая, -ое ... болор, ...и дастак, болорӣ; ...и шоҳтир

строптивец *м* якрав, гарданшах

строптивица *женск. к* **строптивец**

строптивость *ж* саркашӣ, гарданшахӣ, якравӣ, худраъйӣ, инодкорӣ; ~ **характера** саркашӣ

строптив||ый, -ая, -ое (строптив, -а, -о) саркаш, худраъй, гарданшах, якрав, инодкор(она); ~ый **ребёнок** бачаи якрав; ~ое **поведение** рафтори инодкорона

строфа *ж лит.* банд, қитъа (*дар шеър*) // *чаще мн.* **строфы** шеър

строфант *м* 1. *бот.* строфант 2. *фарм.* фарғанддору, строфантин

строфика *ж лит.* 1. қитъабандӣ 2. тақтеъ

строчённый *прич.* (строч|ён, -ена, -ено) бахиядор

строчён||ый, -ая, -ое бахиядузӣ кардашуда; ~ые **башмаки** кафши бахиядузӣ кардашуда

строчить *несов. что и без доп.* 1. бахия (кук) кардан; ~ **рукава** остинҳоро дӯхтан 2. *перен. разг.* тез (шитобон) навиштан; ~ **письмо** шитобон мактуб навиштан // (*быстро говорить*) тез гап задан 3. *без доп.* (*стрелять*) тирпаррони кардан

строчка I *ж* 1. (*по знач. гл.* **строчить** 1) куккунӣ, бахиякунӣ; ~ **обшлагов** куккунии нӯгҳои остин 2. (*сплошной шов*) бахия; **крупная** ~ бахияи калон

строчка II *ж* (*строка*) сатр, хат

строчн||ой, -ая, -ое: ~ая **буква** ҳарфи хурд

струбцина *ж тех.* шиканҷа

струбцинка *ж см.* **струбцина**

струг I *м* (*инструмент для строгания*) ранда

струг II *м уст. и обл.* (*речное судно*) кема

струганный *см.* **строганный**

струганый *см.* **строганый**

стругать *см.* **строгать**

стружк||а *ж* пешранда, тароша, пораха; **металлическая** ~а каҳла ◇ **снимать** ~у *с кого прост.* сахт танбеҳ додан

стру||и́ть *несов. что* дамидан, таровидан; **ака́ция ~и́т не́жный арома́т** акоқия бӯи хуш медамад; **река́ ~и́т прозра́чные во́ды** аз дарьё оби соф метаровад

струи́||ться *несов.* ҷорӣ (равон) будан, шоридан, паҳн шудан; **меж камне́й ~лся ручеёк** дар байни сангҳо ҷӯйча ҷорӣ буд; **из са́да ~тся арома́т** роз аз боғ бӯи гулҳои садбарг паҳн мешавад; **по лицу́ ~тся** пот аз чеҳра арақ мешорад

стру́йк||а *ж уменьш. к* **струя́**; **течь ~ой** фаврак ҷорӣ шудан; **~а ды́ма** фавраки дуд; **~а воды́** фавраки об

стру́йный, -ая, -ое: **~ аппара́т** *тех.* асбоби фавракдам

структу́ра *ж* сохт, таркиб; **~ наро́дного хозя́йства** сохти хоҷагии халқ; **~ систе́мы образова́ния** сохти системаи маориф; **организацио́нная ~** сохти ташкилӣ; **~ мета́лла** таркиби металл; **~ по́чвы** таркиби хок; **~ языка́** сохти забон

структурали́зм *м лингв.* структурализм *(номи умумии як чанд равияи ҳозиразамони забоншиносӣ, ки усулҳои тадқиқи дақиқи нисбати воҳидҳои забонро муқаррар кардааст)*

структурали́ст *м лингв.* структуралист, тарафдори структурализм

структура́льный, -ая, -ое ...и структурализм

структу́рн||ый, -ая, -ое ...и сохт, ... таркиб, таркибӣ; **~ый ана́лиз** таҳлили таркибӣ; **~ые измене́ния** тағйироти таркибӣ; **~ая лингви́стика** забоншиносии таркибӣ

стру́ма *ж мед.* ҷоғар, буқоқ

струн||а́ *ж* 1. тор, сим, зеҳ; **стру́ны роя́ля** торҳои рояль; **~а́ гита́ры** тори гитара; **акко́рд струн** *муз.* дастаи тори соз; **натя́гивать стру́ны** торҳоро таранг кардан; **перебира́ть стру́ны** торҳоро як-як задан 2. *перен.* хислати хос ◇ **сла́бая ~а́** ҷои нозук; **заде́ть больну́ю (чувстви́тельную) ~у́** ба ҷои нозук расидан, ба дил нохун задан; **держа́ть в ~е́** *кого* сахтгир будан, сахтгирӣ кардан

стру́нк||а *ж уменьш. к* **струна́** ◇ **сла́бая (чувстви́тельная) ~а** *то же, что* **сла́бая струна́** (*см.* **струна**); **в ~у (вы́тянуться, стоя́ть)** най барин рост истодан; **ходи́ть по ~е у кого́-л.** нақораи дасти касе будан

стру́нн||ый, -ая, -ое торӣ, тордор; **~ые инструме́нты** созҳои торӣ; **~ый орке́стр** оркестри созҳои торӣ

струп *м* карахш, шух; **на ра́не образова́лся ~** дар ҷароҳат карахш пайдо шудааст

стру́пный, -ая, -ое ...и карахш, ...и шух, карахшӣ

стру́си||ть *сов.* тарсидан, ҳаросидан; **он не на шу́тку ~л** вай хеле тарсидааст

струси́ть *сов. что прост.* афшондан, афшонда рехтан

струхну́ть *сов. см.* **стру́сить**

стручко́в||ый, -ая, -ое ...и ғилофакӣ; **~ый пе́рец** қаламфур; **~ые расте́ния** растаниҳои ғилофакӣ

струч||о́к *м* ғилофак; **~ки́ ака́ции** ғилофакҳои акоқиё; **~о́к горо́ха** як ғилофак нахуд

струя́ *ж* 1. фавра; **дождевы́е стру́и** фавраи борон; **~ кро́ви** фавраи хун; **~ во́здуха** фавраи ҳаво; **~ све́та** фавраи нур 2. *мн.* **стру́и** *перен. поэт.* об; **прозра́чные стру́и** обҳои соф 3. *перен.* ҷараён; **све́жая ~** ҷараёни тоза (нав); **внести́ в де́ло живу́ю струю́** корро ҷоннок кардан

стря́панье *с см.* **стряпня́** 1

стря́пать *несов. что* 1. пухтан; **~ обе́д** хурок (таом) пухтан 2. *перен. обычно с оттенком пренебрежения* бофтан; **~ доно́с** хабаркашӣ кардан

стря́паться *несов.* 1. хурокпазӣ (таомпазӣ) кардан 2. хурокпазӣ (таомпазӣ) карда шудан

стряпня́ *ж* 1. (*по знач. гл.* **стря́пать**) ошпазӣ; хуроктайёркунӣ, пухтупаз 2. *разг.* хурок, хуроки пухташуда; **незамыслова́тая ~** хуроки содда 3. *перен.* хурок; дуруғ, хабаркашӣ

стряпу́ха *ж разг.* ошпаззан

стря́пчий *м* 1. *ист.* майдасолор *(дар Россияи асрҳои 16—18)* 2. *ист.* тергавчӣ 3. *уст.* вакили даъво

стряса́ть *несов. см.* **стрясти́**

стрясти́ *сов. что* афшондан; **~ пыль с полови́ка** пойандозро афшондан; **~ я́блоки с де́рева** себ афшондан

стряс||ти́сь *сов. разг.* руй додан, воқеъ шудан, ба сар омадан; **что с ним ~ло́сь?** ба вай чӣ шуд?; **~ла́сь беда́** бадбахтӣ руй дод

стря́хивать *несов. см.* **стряхну́ть**

стря́хиваться 1. *несов. см.* **стряхну́ть**; 2. афшонда (таконда) шудан

стряхну́ть *сов. что* 1. афшондан, такондан; **~ пыль** чангро афшондан 2. *перен.* тарк (бас)кардан, халос шудан; **~ с себя́ лень** танбалиро бас кардан

студени́стый, -ая, -ое (студени́ст, -а, -о) атоламонанд

студе́нт *м* студент, донишҷу; **~ университе́та** студенти университет; **~-ме́дик** студенти институти тиббӣ

студе́нтка *женск. к* **студе́нт**

студе́ническ||ий, -ая, -ое студенти, ...и студент; **~ое общежи́тие** хобгоҳи студентҳо; **~ая библиоте́ка** китобхонаи студентон

студе́нчеств||о *с* 1. *собир.* студентҳо; **сове́тское ~о** студентҳои совети 2. студентӣ, студент будан(и); **в го́ды ~а** дар солҳои студенти

студён||ый, -ая, -ое (студён, -а, -о) *разг.* хунук, бисьёр хунук, сард; **~ое у́тро** субҳи хунук

сту́день *м кул.* оби яхнии каллашурбо

студи́ец *м* шогирди студия

студи́йка *ж* толибаи студия

студи́ть *несов. что разг.* хунук кардан; **~ во́ду** обро хунук кардан

студи́ться *несов.* 1. хунук шудан 2. *прост.* хунук хурдан, шамол хурдан 3. *страд.* хунук карда шудан

сту́дия *ж* 1. студия, коргоҳи рассом (ҳайкалтарош) 2. студия, мактаби санъат; **бале́тная ~** студияи балет 3. *театр.* студия; **о́перная ~** студияи опера; **драмати́ческая ~** студияи драмавӣ

сту́жа *ж* хунукӣ, сардӣ, сармо; **қаҳратун**; **зи́мняя ~** сармои зимистон

стук I *м* тақ-тақ, тарақкос, тарақ-турук; **~ в дверь** тақ-тақи дар; **~ се́рдца** задани дил

стук II *межд.* 1. *часто произносится с повторением* тақ-тақ, тарақкос 2. *в знач. сказ.* зад; **а он ~ кулако́м по́ столу** пас вай бо мушт ба руи стол зад

сту́канье *с* 1. (*по знач. гл.* **сту́кнуть** 1, 2) задан(и), куфтан(и); тиқ-тиқ кардан(и) 2. *см.* **стук** I; **~ молотко́в** тақ-тақи болғачаҳо

сту́кать *несов. см.* **сту́кнуть** 1, 2

сту́каться *несов. см.* **сту́кнуться**

сту́кн||уть *сов.* 1. *кого-что чем* задан, куфтан; **~уть по руке́** дастро задан; **~уть кулако́м** бо мушт задан 2. *без доп.* тиқ-тиқ кардан; **кто́-то ~ул в окно́** касе тирезаро тиқ-тиқ кард 3. *разг.* (*наступить — о времени*) шудан // *безл. кому разг.* (*исполниться*) пур шудан; **ему́ ско́ро ~ет пятьдеся́т** ба наздикӣ у панҷоҳро пур мекунад ◇ **~уло (~нет) в го́лову** *кому* нохост ният кард

сту́кнуться *сов.* дакка хурдан, задан, бархӯрдан; **~ об у́гол стола́** ба кунҷи стол бархурдан

стукотня́ *ж разг.* тарақ-турук, тарақкос

стул *м* 1. стул, курсӣ; **деревя́нный ~** стули чубин; **мя́гкие ~ья** стулҳои мулоим; **складно́й ~** стули қатакӣ; **предложи́ть ~** ба нишастан таклиф кардан, ба назди касе курсӣ гузоштан 2. *уст.* (*место, должность*) мансаб, вазифа 3. *тк. ед. мед.* қазои ҳоҷат ◇ **сиде́ть ме́жду двух ~ьев (двумя́ ~ья́ми)** аз ин монда, аз вай ронда шудан

стульча́к *м* тешуки ҳоҷатхона

сту́п||а *ж* уғур, ҳован; **ме́дная ~а** ҳовани мисин; **фарфо́ровая ~а** ҳовани чинӣ; **растоло́чь са́хар в ~е** қандро дар ҳован сонда майда кардан ◇ **толо́чь во́ду в ~е** дар ҳован об куфтан

ступа́||ть *несов.* 1. қадам ниҳодан (қадам мондан, гузоштан); **ступа́я на носки́** нӯг-нуги по қадам гузошта; **тяжело́ ~ть** вазнин-вазнин қадам ниҳодан 2. *в знач. пов. накл.* рафтан; **~й!** рав!; **~йте!** равед!; **~йте прочь!** дур шавед!; **нога́ не ~ла** *кого, чья, где, куда* ҷои қадам нарасида

ступе́нчат||ый, -ая, -ое зинадор, зина-зина, зинамонанд; **~ые скло́ны гор** нишебиҳои зинамонанди кӯҳҳо

ступе́н||ь *ж* 1. зина, зинапоя; **ка́менные ~и** зинапояҳои сангин; **поднима́ться по ~ям** бо зина боло баромадан 2. камар, зина; **бе́рег идёт ~ями** соҳил зина-зина аст 3. дараҷа, поя; **вы́сшие ~и культу́ры** дараҷаҳои олии маданият; **на высо́кой ~и** дар дараҷаи олӣ

ступе́нька *ж уменьш. к* **ступе́нь**.

ступи́ть *сов.* 1. қадам ниҳодан (мондан); ~ **на ковёр** ба руи гилем қадам ниҳодан; ~ **за воро́та** аз дарвоза баромадан 2. *(войти)* даромадан, дохил шудан ◇ **он без него́ ша́гу не сту́пит** вай бе у як қадам ҳам намемонад, вай бе у коре намекунад; **не дава́ть ша́гу** ~ роҳ надодан; ҳеҷ намондан; **ша́гу не́где** ~ сузан афтад — рост меистад

ступи́ца *ж* гупчак; гардам

сту́пка *ж уменьш. к* **сту́па**

ступня́ *ж* 1. *(стопа)* панҷаи пой 2. *(подошва)* кафи пой, сапал

сту́пор *м мед.* карахта *(як хел иллати асаб, ки гирифтори он ниҳоят кунду карахт мешавад)*

стуча́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **стуча́ть)** тақ-тақ кардан(и), задан(и), куфтан(и) 2. *см.* **стук** I

стуч||а́ть *несов.* тақ-тақ кардан, тақар-туқур (тарак-турук) кардан, задан, куфтан; ~**ать в дверь** дарро тақ-тақ кардан, дарро куфтан; ~**а́ть молотко́м** [бо] болға задан; **се́рдце трево́жно** ~**и́т** дил аз ҳаяҷон метапад

стуч||а́ться *несов.* куфтан, задан, тақ-тақ кардан; ~**а́ться в дверь** 1) дарро куфтан 2) *перен.* расидан, наздик будан (шудан); **весна́ уже́** ~**и́тся в дверь** баҳор аллакай расид

стушева́ть *сов. что* 1. соябардорӣ *(номаълум кардани ҳудуди тобишҳои ранги сиёҳ ва сафед)* 2. *перен. разг.* пардапуш кардан

стушева́ться *сов.* 1. соябардорӣ шудан 2. *перен. разг.* пардапуш шудан 3. *перен. разг. (оробеть, смутиться)* дастпо хурдан 4. *перен. уст. (улизнуть)* ғайб задан

стушёвывать *несов. см.* **стушева́ть**

стушёвываться *несов.* 1. *см.* **стушева́ться**; 2. *страд.* соябардорӣ карда шудан

стуши́ть *сов.* дам карда пухтан

стыд *м* 1. шарм, ҳаё, изо, хиҷолат; **не име́ть ни** ~**а́, ни со́вести** бе ҳаёву бе ор будан; **потеря́ть** ~ беҳаё шудан; **сгоре́ть от (со)** ~**а́** аз хиҷолат сурх шудан; **отбро́сить** ~ шармро дур кардан 2. шарм, ор, номус; **како́й** ~! чӣ хел шармандагӣ!; ~ **и срам!** шармандагӣ! 3. *прост.* шармгинӣ, боҳаёӣ ◇ **к** ~**у́ своему́ (моему́)** афсус ки..., таассуф..., бароям айб аст, аммо...

стыди́ть *несов. кого* шарм дорондан, шарманда (хиҷил) кардан; ~ **за ложь** барои гапи дуруғ шарм дорондан

стыди́ться *несов., кого-чего и с неопр.* шарманда шудан, шарм доштан, хиҷолат (изо) кашидан; ~ **окружа́ющих** аз мардум хиҷолат кашидан; ~ **своего́ посту́пка** аз кирдори худ шарм доштан

стыдли́во *нареч.* шармгинона, боҳаё, бохиҷолат; ~ **улыба́ться** бо хиҷолат табассум кардан

стыдли́вость *ж* шармгинӣ, боҳаёӣ, изокашӣ

стыдли́в||ый, -ая, -ое (стыдлив, -а, -о) шармгин(она), боҳаё, изокаш; шармовар; ~**ый челове́к** одами шармгин; ~**ые мы́сли** андешаҳои шармовар ◇ ~**ый кусо́к (кусо́чек)** луқмаи охирин *(дар лаган)*

сты́дно *в знач. сказ. безл. кому* айб аст, нанг аст; **как ему́ не** ~ чӣ хел вай шарм намедорад; **нам** ~ **за вас** мо барои рафтори шумо шарм медорем; **не** ~ **ли так поступа́ть?** магар ин тавр рафтор кардан айб нест?

сты́дный, -ая, -ое *разг.* шармовар, нангин

стыдо́ба *ж обл. и фольк. см.* **стыд**

стык *м* ҷои васл, маҳалли иттисол; ~ **страни́ц** ҷои ба ҳам пайвастани варақаҳо; **на** ~**е у́лиц** дар сари дураҳа; **ре́льсовый** ~ ҷои ба ҳам пайваст шудани рельсҳо

стыка́ть *несов. что* пайваст (васл) кардан

стыкова́ть *несов. что см.* **стыка́ть**

стыкова́ться *несов. страд.* пайваст шудан, васл шудан

стыко́вка *ж (по знач. гл.* **стыкова́ть)** пайваст (васл) кардан(и); ~ **косми́ческих корабле́й** васл кардани киштиҳои кайҳонӣ

стыково́й, -а́я, -о́е ...и ҷои васл, ...и маҳалли иттисол

сты́н||уть *несов.* 1. хунук (сард) шудан; **чай** ~**ет** чой хунук мешавад 2. *разг.* ях кардан (бастан); **вода́ в пруду́** ~**ет** оби ҳавз ях мебандад ◇ **кровь** ~**ет в жи́лах** *у кого* хуш аз сар мепарад, кас талхакаф мешавад

стыть *несов. см.* **сты́нуть**

сты́чка *ж* 1. задухурд, ҷанг, запозанӣ 2. *перен.* ҷанҷол, афтударафт, зантузанам

стю́ард *м* стюард *(ходими самолёт)*

стюарде́сса *ж* стюардесса

стяг *м* байрақ, алам, ливо; **а́лые** ~**и** байрақҳои сурх

стя́гивание *с (по знач. гл.* **стяну́ть)** бастан(и), таранг бастан(и); якҷоя кардан(и); пайваст кардан(и); *(по знач гл.* **стяну́ться)** кутоҳ шудан(и); таранг шудан(и); якҷоя шудан(и); ~ **во́йск** якҷоя кардани қушунҳо

стяѓивать *несов. см.* **стяну́ть** 1—4

стя́гиваться *несов.* 1. *см.* **стяну́ться**; 2. *страд.* дар як ҷо ҷамъ карда шудан, якҷоя карда шудан

стяжа́ние *с (по знач. гл.* **стяжа́ть)** пулпарастӣ кардан(и); ба даст овардан(и), ҳосил кардан(и), ёфтан(и)

стяжа́тель *м* молпараст, ҳарисн мол, пулпараст

стяжа́тельство *с* молпарастӣ, пулпарастӣ

стяжа́ть *сов., несов. что* 1. *уст.* мол (пул) ҷамъ кардан 2. пайдо кардан, ба даст овардан, ҳосил кардан, ёфтан; ~ **сла́ву** шуҳрат пайдо кардан

стяже́ние *с (по знач. гл.* **стяну́ть** 2, 3) кашиш, кашидан(и) ◇ ~ **зву́ков** якшавии ду овози садонок

стяну́ть *сов.* 1. *что* бастан, сахт бастан, таранг бастан; ~ **бинт** докаи ҷароҳатро сахт бастан 2. *что* дар як ҷо ҷамъ кардан, якҷоя кардан; ~ **та́нки** танкҳоро дар як ҷо ҷамъ кардан 3. *что* пайваст кардан, кашида пайваст кардан, кашида ба ҳам бастан; ~ **о́бруч** нугҳои ҷанбараки бочкаро кашида пайваст кардан; ~ **дугу́ хо́рдой** *мат.* нугҳои камонро ба хати рост пайваст кардан 4. *кого-что* кашидан, кашида гирифтан; ~ **сапоги́** музаро кашидан 5. *кого-что прост.* задан, дуздидан; **у него́ стяну́ли кни́гу** китобашро дуздидаанд

стяну́||ться *сов.* 1. *разг.* кӯтоҳ шудан, кашида шудан; **ко́жа** ~**лась** пуст кашида шудааст 2. *разг.* таранг (сахт) бастан; ~**ться по́ясом** камари худро сахт бастан 3. дар як ҷо ҷамъ шудан, якҷоя шудан; **демонстра́нты** ~**лись на пло́щадь** намоишчиён дар майдон ҷамъ шуданд

су *с нескл.* су (1. *пули майда дар Республикаи Социалистии Ветнам*; *садьяки донг* 2. *пули майда дар Франция)*

суб= *қисми аввали калимаҳои мураккаб бо маъноҳои зерин:* 1) *дар таг ё дар назди чизе воқеъ будан:* **субтро́пики** субтропикҳо 2) *тобеъ:* **субаренда́тор** иҷорагири фаръӣ 3) *ғайриасосӣ; майда:* **субподря́д** пудрати майда (ғайриасосӣ)

субальпи́йский, -ая, -ое субальпӣ

субаре́нда *ж эк.* иҷораи фаръӣ

субаренда́тор *м* иҷорагири фаръӣ

субаркти́ка *ж* субарктика, минтақаи назди Арктика

субаркти́ческий, -ая, -ое *геогр.* субарктикӣ, ...и назди Арктика

суббо́та *ж* шанбе, рузи шанбе

суббо́тний, -яя, -ее ...и шанбе; ~ **день** рузи шанбе

суббо́тник *м* шанбегӣ; **коммунисти́ческие** ~**и** шанбегиҳои коммунистӣ

сублима́т *м хим.* сублимат *(маҳсули сублимация)*

сублима́ция *ж хим.* сублимация *(об накарда якбора ба газ табдил додани ҷисми сахт)*

сублими́ровать *сов., несов. что хим.* сублимация кардан

субмари́на *ж уст. мор.* субмарина *(киштии зериобӣ)*

субордина́ция *ж* мартабот

субподря́д *м* пудрати майда (ғайриасосӣ)

субподря́дчик *м* пудратчии ғайриасосӣ

субпроду́кты *тк. мн.* каллапоча

субре́тка *ж лит., театр.* канизаки шуху қаллобнамо

субсиди́ровать *сов., несов. кого-что* ёрии моддӣ (ёрии пулӣ, маблағ) додан

субсиди́роваться *страд.* маблағ ҷудо карда шудан

субси́ди||я *ж* ёрии моддӣ, ёрии пулӣ; **получи́ть** ~**ю** ёрии пулӣ гирифтан; **проси́ть** ~**ю** ёрии пулӣ пурсидан

субстантива́ция *ж лингв.* субстантивация, исм гаштан(и); ~ **местоиме́ния** исм гаштани ҷонишин

субстантиви́роваться *сов., несов., лингв.* субстантивация шудан, исм гаштан

субстанти́вность *ж* субстантивӣ будан(и)

субстанция *ж филос.* ҷавҳар, киёно

субститут *м книжн.* (*заменитель*) муаввaз; таъвиза

субституция *ж* 1. *лингв.* ивазшавӣ (*иваз шудани як овоз ба овози дигар*) 2. *юр.* таъвиз (*дар васиятнома таъин кардани ягон шахси иловагӣ, ба шарте ки вориси асосӣ бо сабабе ҳуқуқи меросгириро адо карда натавонад*)

субстрат *м* мабдаъ; муҳит

субстратосфера *ж* субстратосфера (*қабати атмосфера байни тропосфера ва стратосфера*)

субтильность *ж* нозукӣ

субтильн||ый, -ая, -ое (субти|лен, -льна, -льно) нозук; **~ая фигурка** қадду қомати нозук

субтропики *тк. мн. геогр.* субтропикҳо (*минтақаҳои наздики тропикҳо*); **влажные ~** субтропикҳои нам; **сухие ~** субтропикҳои хушк

субтропическ||ий, -ая, -ое субтропикӣ, ...и субтропикҳо; **~ая растительность** растании субтропики; **~ий климат** иқлими субтропики

субъект *м* 1. *грам.* мубтадо, субъект 2. *филос.* субъект 3. одам; шахс, кас; **болезненный ~** одами бемадор; **неприятный ~** одами дилнокаш ◇ **~ преступления** *юр.* ҷинояткор

субъективизм *м* 1. *филос.* субъективизм (*равияи фалсафаи идеалистӣ, ки мавҷудияти олами объективиро инкор карда, онро танҳо маҳсули идроки субъект мешуморад*) 2. ғаразнокӣ; **в этом суждении много ~а** ин мулоҳиза хеле ғаразнок аст

субъективист *м филос.* пайрави субъективизм

субъективистский, -ая, -ое субъективисти

субъективно *нареч.* 1. ба таври субъективӣ, субъективона; **оценить ~** ба таври субъективӣ баҳо додан 2. *в знач. сказ.* субъективона аст, ғаразнок аст; **это мнение ~** ин фикр ғаразнок аст

субъективность *ж* 1. субъективӣ будан(и); махсус будан(и); **~ мнений** субъективӣ будани мулоҳизаҳо 2. боғаразӣ, боғаразона будан(и), ғаразнокӣ; **отбросить ~ при решении вопроса** дар ҳалли масъала беғараз будан

субъективн||ый, -ая, -ое (субъектив|ен, -на, -но) 1. субъективӣ, ба шахси муайян хос, ба субъект хос, хусусӣ, шахсӣ; **~ое мнение** фикри шахсӣ 2. боғаразона; **~ая оценка** баҳои боғаразона ◇ **~ый идеализм** *филос.* идеализми субъективӣ, субъективизм

сувенир *м* тӯҳфа, савғотӣ, барги сабз

суверен *м юр., ист.* волӣ, ҳоким

суверенитет *м полит.* истиқлолият; **нарушить ~** истиқлолиятро вайрон кардан, ба истиқлолият халал расондан; **защита ~а** муҳофизати истиқлолият; **~ СССР** истиқлолияти СССР; **права, присущие ~у** ҳуқуқҳои мансуби истиқлолият

суверенн||ый, -ая, -ое (суверен|ен, -на, -но) *полит.* 1. ...и волӣ, ...и ҳоким 2. мустақил; **~ые права** ҳуқуқи истиқлолият; **~ая держава** давлати мустақил

суворовец *м* суворовчӣ (*тарбиягирандаи омӯзишгоҳи ҳарбии ба номи Суворов*)

суворовск||ий, -ая, -ое: **~ое училище** омӯзишгоҳи ба номи Суворов (*муассисаи махсуси миёнаи ҳарбии таълимӣ, ки хонандагонро барои дохил шудан ба омӯзишгоҳи ҳарбӣ тайёр мекунад*)

суглинист||ый, -ая, -ое ...и гилхок

суглинок *м* гилхок

сугроб *м* барфтуда; **снежные ~ы** барфтудаҳо

сугубо *нареч.* махсус, махсусан, алоҳида; **~ личное мнение** фикри хосаи шахсӣ

сугуб||ый, -ая, -ое (сугуб, -а, -о) алоҳида, махсус; **~ое внимание** диққати махсус

суд *м* 1. суд, маҳкама; **народный ~** суди халқӣ; **городской ~** суди шаҳр; **Верховный ~ СССР** Суди Олии СССР; **военный ~** суди ҳарбӣ; **военно-полевой ~** суди ҳарбии сайёр; **товарищеский ~** суди рафиқона; **третейский ~** суди ҳакамӣ; **~ чести** суди шараф; **~ присяжных** *уст.* суди қасамиён 2. суд; **подать в ~** ба суд додан; **вызвать в ~** ба суд ҷеғ задан; **оправдать по ~у** дар суд сафед кардан; **зал ~а** зали суд; **заседание ~а** маҷлиси суд; **сессия ~а** сессияи суд 3. *собир.* суд, судьяҳо; **встать! Суд идёт!** аз ҷо хезед! Суд омад!; **совещание ~а** маҷлиси ҳайати суд 4. адолат; **искать ~а** адолат ҷустан 5. муҳокимаи суд, мурофиа; **день ~а** рӯзи мурофиа 6. суд, адлия; **реформа ~а** ислоҳоти суд 7. ҳукм; **~ потомства** ҳукми авлод; **вынести на ~ общественности** ба муҳокимаи мардум гузоштан ◇ **страшный ~** рӯзи қиёмат; **шемякин ~** суди боғараз (ғаразона), суди ноинсофона (беадолат); **~ы да (и) пересуды** гапу гапча, ғайбат, овозаи дурӯғ; **на нет и ~а нет** *посл.* нестро илоҷе нест; **пока ~ да дело** то кор буд шудан-а...

судак *м зоол.* суфмоҳӣ

судаков||ый, -ая, -ое ...и суфмоҳӣ; **~ое филе** гӯшти лаҳми суфмоҳӣ

суданец *м* судонӣ

суданка *ж* судонидухтар, судонизан

суданцы *мн.* судониҳо

сударыня *ж уст. обращ.* хоним, бону, оим

сударь *м уст. обращ.* ҷаноб, ҳазрат, тақсир

судачить *несов. разг.* ғайбат кардан, лаққидан, ҷоғ задан

судебник *м ист.* маҷмӯаи қонунҳо

судебн||ый, -ая, -ое ...и суд; ...и муҳокимаи суд; ...и мурофиаи суд, судӣ; **~ое дело** кори суд; **~ое разбирательство** мурофиаи суд; **~ое следствие** тафтишоти суд; **~ые издержки** хароҷоти судӣ; **~ый приговор** ҳукми суд; **~ым порядком** бо роҳи суд; **~ое заседание** маҷлиси суд; **~ый следователь** муфаттиши суд; **~ая защита** тарафи ҳимоякунанда дар суд; **~ая медицина** тибби судӣ; **~ый исполнитель** иҷрочии суд

судейск||ий, -ая, -ое 1. ...и судья 2. *спорт.* ...и ҳакам; **~ая коллегия** *спорт.* коллегияи ҳакамон 3. *уст.* ...и коргузори маҳкама ‖ *в знач. сущ.* **судейский** *м уст.* аҳли суд

судилище *с уст. книжн. см.* **суд** 1, 2

судимость *ж юр.* доғи судӣ; **иметь ~** доғи судӣ доштан; **снять ~** доғи судиро бардоштан

судить *несов.* 1. *кого* суд кардан, дар мурофиаи суд дидан; **~ преступника** ҷинояткорро суд кардан 2. *о ком-чём, по кому-чему и без доп.* ҳукм кардан, фикру мулоҳиза кардан; **~ по внешнему виду** аз рӯи намуди зоҳирӣ ҳукм кардан; **~ не по словам, а по делам** на аз рӯи гап, балки аз рӯи амал ҳукм кардан (баҳо додан); **судя по всему** аз афти кор; **судите сами** худатон мулоҳиза кунед (фармоед); **насколько можно ~** ба қадре ки ҳукм кардан мумкин аст 3. *кого-что* таъна задан, сарзаниш кардан, мазаммат кардан, айбдор кардан, гунаҳкор кардан; **его нельзя строго ~** уро сахт таъна задан мумкин нест 4. (*употр. в кратк. форме прич. страд. прош. вр.* **суждён, -а, -о**) *что кому-чему и с неопр.* насиб будан (доштан); **нам суждено расстаться** ҷудо шудан насиби мост; **ему суждено стать учёным** олим шудан насиби уст 5. *кого-что спорт.* ҳакамӣ кардан; **~ футбольный матч** дар бозии футбол ҳакамӣ кардан ◇ **~ да рядить** гуфтугӯ кардан, баҳсу мунозира кардан

судиться *несов. с кем-чем* судбозӣ кардан

судно I *с* киштӣ, кема; **гребное ~** кемаи белдор; **парусное ~** киштии бодбонӣ; **военное ~** киштии ҳарбӣ; **китобойное ~** киштии наҳанггирӣ; **рыболовное ~** киштии моҳигирӣ; **нефтеналивное ~** киштии нефткаш; **учебное ~** киштии таълимӣ; **~ водоизмещением в тысячу тонн** киштии зарфияташ ҳазор тонна; **речные суда** киштиҳои дарьёӣ; **морские суда** киштиҳои баҳрӣ; **плавать на судне** бо киштӣ гаштан

судно II *с* (*подкладной сосуд*) тубак (*зарфи махсус барои қазои ҳоҷати беморон*)

судо- I *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «киштӣ, мансуб ба киштӣ»*: **судоверфь** корхонаи киштисозӣ; **судоремонтный** киштитаъмиркунанда

судо- II *қисми аввали калимаҳои мураккаб бо маънои «судӣ, мансуб ба суд»*: **судопроизводство** муҳокимаи суд

судоверфь *ж* корхонаи киштисозӣ

судовладелец *м* соҳиби киштӣ

судоводитель *м* киштирон, ронандаи киштӣ

судовождение *с* киштиронӣ

судов||ой, -ая, -ое ...и киштӣ; **~ое**

оборудование тачҳизоти киштӣ; ~ая команда командаи киштӣ

судоговоре́ние *с юр.* мурофиаи суд

судо́к *м* 1. қайладон 2. зарфаки доруворӣ

судомо́йка *ж* зарфшӯй

судоподъём *м* киштибардорӣ, бардоштани киштиҳои ғарқшуда

судоподъёмник *м* киштибардорак

судопроизво́дство *с юр.* муҳокимаи (мурофиаи) суд

судоремо́нт *м* киштитаъмиркунӣ

судоремо́нтн||ый, -ая, -ое ...и таъмири киштиҳо, киштитаъмиркунанда; ~ые **мастерски́е** корхонаи таъмири киштиҳо

су́дорога *ж* кашиш, ихтилоҷ, рагкашӣ; ~ **в ноге́** кашиши раги пой

су́дорожно *нареч.* беихтиёрона, ғайриихтиёрӣ; ~ **рыда́ть** беихтиёрона гиря кардан

су́дорожность *ж* беихтиёрона, будан(и); ~ **движе́ний** беихтиёрона, будани ҳаракат

су́дорожн||ый, -ая, -ое (су́дорож|ен, -на, -но) беихтиёрона, ғайриихтиёрӣ; ~ый **плач** гирьяи ғайриихтиёрӣ; ~ая **де́ятельность** *перен.* ташвишу тараддуд

судострое́ние *с* киштисозӣ

судострои́тель *м* мутахассиси киштисозӣ, киштисоз

судострои́тельн||ый, -ая, -ое ...и киштисозӣ; ~ая **верфь** корхонаи киштисозӣ

судоустро́йство *с юр.* сохти суд, сохти ташкилотҳои судӣ, тартиботи мурофиаи суд

судохо́дность *ж* киштигард будан(и); ~ **реки́** киштигард будани дарьё

судохо́дн||ый, -ая, -ое (судохо́д|ен, -на, -но) киштигард; ~ая **река́** дарьёи киштигард

судохо́дство *с* киштигардӣ; **морско́е** ~ киштигардии баҳрӣ; **речно́е** ~ киштигардии дарьёӣ

судьб||а́ *ж* 1. *уст.* сарнавишт, тақдир, қисмат 2. толеъ, насиба; **её волну́ет** ~**а́ сы́на** тақдири писараш уро ором намемонад; **жа́ловаться на свою́** ~**у́** аз толеи худ гила доштан 3. *чаще мн.* **су́дьбы** гузашта, тақдир, оянда; **истори́ческие су́дьбы наро́да** гузаштаи халқ; **ду́мать о су́дьбах госуда́рства** дар бораиояндаи давлат фикр кардан ◊ **во́лею судеб** *книжн.* тасодуфан, аз қазо; **гоне́ние** ~ы қисмати шум, бахти баргашта; **игра́** ~ы чархи (гардиши) фалак; **иро́ния** ~ы гардиши фалак; **каки́ми** ~**а́ми?** кадом шамол парронд? **не** ~**а́** насиб набудааст; **перст** ~ы тақдир, қисмат; **превра́тности** ~ы *уст. книжн.* гардиши (чархи) фалак; **броса́ть на произво́л** ~ы ба тақдир ҳавола кардан; **искуша́ть** ~**у́** таваккалан коре кардан

судьби́на *ж уст. и фольк. см.* **судьба́** 1, 2

судья́ *м* 1. судья, қозӣ; **наро́дный** ~ судьяи халқӣ; **трете́йский** ~ ҳакам; **мирово́й** ~ судьяи мусолиҳа 2. *перен.* ҳоким, ҳакам; **он в э́том де́ле не** ~ вай дар ин кор ҳакам шуда наметавонад 3. *спорт.* ҳакам

суеве́ри||е *с* хурофот, мавҳумот; **борьба́ с** ~**ями** мубориза бар зидди хурофот

суеве́рность *ж* мавҳумотпарастӣ, хурофотпарастӣ

суеве́рн||ый, -ая, -ое (суеве́р|ен, -на, -но) хурофотпараст, мавҳумотпараст; ~ый **челове́к** одами хурофотпараст; ~ые **представле́ния** тасаввуроти хурофӣ

суесло́вие *с уст. книжн.* ҳарзагӯӣ

сует||а́ *ж* 1. давуғеҷ, даводавӣ, телбагӣ, оворагӣ; **день прошёл в** ~**е́** тамоми рӯз дар даводавӣ гузашт 2. *уст.* *(тщетность)* бенатиҷагӣ, ботилӣ ◊ ~**а́ сует** *уст. то же, что* **суета́** 1

сует́иться *несов.* давуғеҷ (даводав) кардан, овора будан; телба шудан; ~ **по хозя́йству** овораи корҳои хона будан

суетли́вость *ж* телбакорӣ, давуғеҷ, ташвишнокӣ; **нену́жная** ~ телбакории беҷо

суетли́в||ый, -ая, -ое (суетли́в, -а, -о) серташвиш, телба, сердавуғеҷ; ~ый **челове́к** одами телба; ~ая **рабо́та** кори серташвиш

су́етность *ж см.* **суета́**

су́етн||ый, -ая, -ое (сует|ен, -на, -но) 1. сердавуғеҷ, серташвиш; ~ая **жизнь** ҳаёти серташвиш 2. *уст.* барабас, бефоида, беҳуда; ~ые **мечты́** орзуҳои беҳуда

суетня́ *ж разг. см.* **суета́** 1

сужа́ть *несов. см.* **су́зить**

сужа́ться *несов. см.* **су́зиться**

сужде́ние *с* 1. фикр, ақида, мулоҳиза, раъй; ҳукм; **зре́лое** ~ мулоҳизаи пухта 2. *филос.* фикр, муҳокима, ғоя

су́женая *ж уст. и фольк.* арӯс

суже́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **су́зить***)* танг (тангтар) кардан(и); *(по знач. гл.* **су́зиться***)* танг (тангтар) шудан(и); ~ **пищево́да** *мед.* танг шудани сурхрӯда; ~ **ры́нка** танг шудани бозор

су́женный *прич.* (су́жен, -а, -о) танг кардашуда, борик кардашуда; танг

су́женый *м уст.* *(жених)* домодшаванда

сужи́вание *с см.* **суже́ние**

сужи́вать *несов. см.* **су́зить**

сужи́ваться *несов.* 1. *см.* **су́зиться**; 2. *страд.* танг карда шудаи, тангтар карда шудан

су́зить *сов. что* танг кардан, тангтар кардан; ~ **во́рот** гиребонро тангтар кардан

су́зиться *сов.* танг (тангтар) шудан; **ру́сло реки́ су́зилось** маҷрои дарьё танг шудааст

сук *м* 1. шохи дарахт; **отпили́ть** ~ шохи дарахтро бурида партофтан 2. *(в бревне, в доске)* чашм, гурм

су́ка *ж* саги мода, канчиқ

су́кин, -а, -о ...и саги мода ◊ ~ **сын** *бран.* сагбача, падарлаънат

сукно́ *с* моҳут, мовут ◊ **класть (положи́ть) под** ~ ба таъхир андохтан, беоқибат монондан; **лежа́ть под** ~**м** бе натиҷа хобидан *(оид ба ҳуҷҷат)*

сукнова́льн||ый, -ая, -ое ...и моҳутмолӣ, моҳутмол; ~ая **маши́на** мошини моҳутмолӣ

сукнова́льня *ж* корхонаи моҳутмолӣ

сукноде́лие *с* моҳутмолӣ, моҳутбофӣ

сукова́т||ый, -ая, -ое (сукова́т, -а, -о) гурмдор, серчашм, чашмдор; ~ая **доска́** тахтаи гурмдор, ~ая **па́лка** чӯби чашмдор

суко́нка *ж* моҳутпора, порчаи моҳут

суко́нн||ый, -ая, -ое моҳутӣ, ...и моҳут; ~ое **пальто́** пальтои моҳут; ~ая **фа́брика** фабрикаи моҳут ◊ ~ый **язы́к** забони бебу ранг

суко́нщик *м* моҳутмол, моҳутбоф

су́кровица *ж* рим, фасод, хуноба

су́кровичный, -ая, -ое ...и рим, ...и фасод, ...и хуноба

сулема́ *ж* сулема *(хлорати симоб)*

сулемо́вый, -ая, -ое ...и сулема, сулемадор; ~ **раство́р** маҳлули сулема

сули́ть *несов.* 1. *кого-что* ваъда додан (кардан); ~ **пода́рок** тӯҳфа ваъда кардан; ~ **награ́ду** мукофот ваъда додан; 2. *что* аз чизе (аз коре) хабар додан; **ве́тер сули́т нена́стье** шамол аз ҳавои бад хабар медиҳад ◊ ~ **золоты́е го́ры** домани касеро бо чормағзи пуч пур кардан

сули́ться *несов. уст. и прост. см.* **сули́ть** 1

султа́н I *м* *(титул)* султон

султа́н II *м* *(украшение)* туғи каллапуш, ҷиға

султана́т *м* 1. *(власть султана)* салтанат 2. *(государство)* давлати султонӣ

султа́нск||ий, -ая, -ое ...и султон; ...и салтанат; ~ая **власть** ҳокимияти султон

султа́нша *ж* зани султон

сульфа́т *м хим.* сульфат; ~ **аммо́ния** сульфати аммоний

сульфи́д *м хим.* сульфид

сульфи́т *м хим.* сульфит

сум||а́ *ж уст.* халта, анбон, кулвор, турба ◊ ~**а переме́тная** ҳардамхаёл; **пусти́ть с** ~**о́й** *кого* хонавайрон кардан, гадо кардан; **ходи́ть с** ~**о́й** гадоӣ кардан

сумасбро́д *м* девонаавзоъ, беақл, беандеша

сумасбро́дить *несов. см.* **сумасбро́дничать**

сумасбро́дка *женск. к* **сумасбро́д**

сумасбро́дничать *несов.* ҷиннигӣ (девонаавзоӣ, беақлӣ) кардан

сумасбро́дн||ый, -ая, -ое (сумасбро́д|ен, -на, -но) девонаавзоъ, беақл, беақлона; ~ое **поведе́ние** рафтори беақлона

сумасбро́дство *с* девонавзоӣ, беақлӣ, ҷиннигӣ

сумасбро́дствовать *несов. см.* **сумасбро́дничать**

сумасше́дш||ий, -ая, -ее 1. девона, ҷиннӣ; ~ий **стари́к** пири девона; ~ий **дом** ҷиннихона // *в знач. сущ.* **сумасше́дший** *м*, **сумасше́дшая** *ж* ҷиннӣ, девона; **бу́йный** ~ий ҷиннии ҷангара 2. *перен.* беақлона, бешуурона; ~ая

идея ғояи беақлона 3. *перен. разг.* хеле, аз ҳадзиёд, беандоза, фавқулодда; ~**ие цены** нархҳои хеле баланд; ~**ая отвага** далерии беақлона, далерии аз ҳад зиёд

сумасшедшинк||а *ж разг.* ҷиннибашара; **глаза с ~ой** нигоҳҳои ҷиннибашара

сумасшестви||е *с* девонагӣ, ҷиннигӣ; **внезапное ~е** девонагии ногаҳонӣ ◊ **до ~я** беандоза, беҳад

сумасшествовать *несов.* девонагӣ (ҷиннигӣ) кардан

суматох||а *ж* мағал, тупаланг, ҳарҷумарҷ; **потеряться в ~е** дар тупаланг гум шудан; **забыть что-л. в ~е** дар мағал чизе фаромуш кардан

суматошливость *ж* телбагӣ, ҷонсаракӣ

суматошливый, -ая, -ое *разг. см.* **суматошный**; ~ **человек** одами ҷонсарак

суматошн||ый, -ая, -ое телба, саросема; ~**ая старуха** кампири саросема; ~**ый день** айёми тараддуд

сумах *м бот.* татум, сумок

сумбур *м* чигилӣ, саргумӣ, дарҳамбарҳамӣ, ҳарҷумарҷ; ~ **в изложении** чигилии баёнот; ~ **во взглядах** дарҳамбарҳамии ақидаҳо

сумбурность *ж* чигилӣ, дарҳамбарҳамӣ, ҳарҷумарҷӣ; ~ **мыслей** чигилии афкор

сумбурн||ый, -ая, -ое (сумбур|ен, -на, -но) чигил, саргум, бесару нӯг, дарҳамбарҳам, гаранг; ~**ое изложение** баёноти саргум; ~**ые впечатления** таассуроти чигил

сумеречн||ый, -ая, -ое (сумереч|ен, -на, -но) 1. ...и нимторикӣ, ...и говгум, ...и шом; ~**ая пора** вақти говгум 2. *перен.* хира, парешон, маъюсона; ~**ые мысли** андешаҳои маъюсона 3. *зоол.* шабгард, шомгард ◊ ~**ое состояние** *мед.* тирашавии ақл

сумерки *тк. мн.* нимторикӣ, вақти говгум, шом; **летние** ~ шоми тобистон; **наступили** ~ шом шуд

сумерничать *несов. разг.* дар нимторикӣ нишастан, дар нимторикӣ чақ-чақ кардан

суметь *сов. с неопр.* тавонистан, аз ӯҳда баромадан, қобил будан; **он не сумел решить задачу** вай масъаларо ҳал карда натавонистааст

сумка *ж* 1. сумка, қапчуқи дастӣ; ~ **для провизии** халтаи озуқа; **полевая (военная)** ~ сумкаи (ҳарбии) сафарӣ 2. *зоол.* халта *(дар баъзе ҳайвонот, ки бачаашон дар он парвариш меёбанд)* ◊ **пастушья** ~ *бот.* ҷағҷағ; **сердечная** ~ *анат.* халтачаи дил

сумм||а *ж* 1. *мат.* ҳосили ҷамъ; ~**а нескольких слагаемых** ҳосили ҷамъи якчанд адад 2. ҷамъ, ҷамъулҷамъ; ~**а впечатлений** ҷамъи таассурот 3. маблағ, маблағи пул; **неизрасходованные** ~**ы** маблағҳои сарфнашуда; **крупная** ~**а** маблағи калон; **кругленькая** ~**а** пули калон ◊ **в** ~**е** ҳамагӣ, якҷоя

суммарн||ый, -ая, -ое (суммар|ен, -на, -но) 1. умумӣ, ҷамъ, ҷамъулҷамъ; ~**ые показатели** нишондиҳандаҳои умумӣ 2. *перен.* умумӣ, таъмимӣ; ~**ое впечатление** таассуроти умумӣ

суммирование *с (по знач. гл.* **суммировать**) ҷамъ кардан(и), ҷамъбасткунӣ

суммировать *сов., несов. что* 1. ҷамъ кардан; ~ **показатели** нишондиҳандаҳоро ҷамъ кардан 2. ҷамъбаст кардан; ~ **опыт** таҷрибаро ҷамъбаст кардан

суммироваться *сов., несов.* 1. *книжн.* ҷамъбаст шудан 2. *страд.* ҷамъ карда шудан

сумняся, сумнящеся: ничтоже ~ бе ҳеҷ шак, бе шакку шубҳа, ҳеҷ шубҳа накарда

сумочка *ж уменьш. к* **сумка** 1

сумрак *м* нимторикӣ, хирагӣ, тирагӣ; **в** ~**е леса** дар нимторикии беша

сумрачно 1. *нареч.* маъюсона, ғамангез, яъсомез; **он** ~ **посмотрел на меня** у маъюсона ба ман нигоҳ кард 2. *в знач. сказ. безл.* хира (тира) аст; **в лесу было тихо и** ~ беша орому хира буд

сумрачность *ж* хирагӣ, тирагӣ; ~ **взгляда** хирагии назар

сумрачн||ый, -ая, -ое (сумрач|ен, -на, -но) 1. хира, тира; ~**ое утро** субҳи хира 2. *перен.* туршруй, бадқавоқ; ~**ый человек** одами бадқавоқ; ~**ое лицо** қиёфаи турш

сумчат||ый, -ая, -ое 1. *зоол.* халтадор *(дар бораи ҳайвонот)*; ~**ые животные** ҳайвонҳои халтадор; ~**ая крыса** калламуши халтадор 2. *бот.* халтадор, халтамонанд; ~**ые грибы** занбуруғи халтамонанд 3. *в знач. сущ. мн.* **сумчатые** *зоол.* ҳайвонҳои халтадор

сумятиц||а *ж* мағал, тупаланг, ҳарҷумарҷӣ; **устроить** ~**у** мағал бардоштан

сундук *м* сандуқ; **кованый** ~ сандуқи тунукакорӣ

сундучн||ый, -ая, -ое ...и сандуқ; ~**ая крышка** сарпӯши сандуқ

сундучок *м уменьш. к* **сундук**

сунна *ж рел.* суннат

суннизм *м рел.* суннигӣ, суннат

сунниты *мн.* (*ед.* **суннит** *м*) сунниён

сунуть *сов. что* тиққондан, андохтан; ~ **руки в карманы** дастҳоро ба киса андохтан

сунуться *сов. разг.* худро тиққондан, ба коре қатӣ (аралаш) шудан, худро задан, мудохила кардан; **не суйся, куда не следует** худро ба ҳар ҷо назан ◊ **куда ни сунься** дар ҳама (дар ҳар) ҷо

суп *м* шурбо; **гороховый** ~ нахудшурбо; **рисовый молочный** ~ ширшула

супероблoжка *ж полигр.* румуқова

суперфосфат *м хим.* суперфосфат

супесок *м* регхок

супесчаный, -ая, -ое ...и регхок

супесь *ж см.* **супесок**

супинатор *м* супинатор *(патаки махсус барои пои маиб)*

супить *несов. разг.* қавоқ андохтан, руй турш кардан

супиться *несов. разг.* қавоқандозӣ, рӯйтуршкунӣ

супов||ой, -ая, -ое ...и шурбо; ~**ая ложка** чойбодқаш; ~**ая миска** косаи шӯрбо

супонить *несов. что* тасмаи ҳамутро бастан

супонь *ж* тасмаи ҳамут

супоросая, супоросная: ~ **свинья** хуки бордор (буғуз)

супоросость, супоросность *ж* бордории (буғуз будани) хук

супостат *м* 1. *уст. высок.* аду, душман 2. *прост. бран. (разбойник)* роҳзан

суппорт *м тех.* гира

супруг *м* завҷ, ҳамсар

супруга *ж* шуй, завҷа, ҳамсар

супруги *мн.* зану шавҳар, зану шуй

супружеск||ий, -ая, -ое ...и зану шуй, ...и заношуй; ~**ая жизнь** заношуй

супружество *с* заношуй

сургуч *м* сурғуч

сургучн||ый, -ая, -ое ...и сурғуч, сурғучӣ; ~**ая печать** муҳри сурғучӣ

сурдина *ж см.* **сурдинка**

сурдинк||а *ж муз.* сурдинка *(олате барои паст кардани овози ягон соз)* ◊ **под** ~**у** пинҳонӣ, махфӣ, номаълумакак

сурепица *ж бот.* вазирак

сурепка *ж см.* **сурепица**

тайно нареч. махфиёна, ба тарзи махфӣ, пинҳонӣ, рустӣ

тайнописный, -ая, -ое ...и хати рамзӣ, ...и хати рамзидор

тайнопись ж хати рамзӣ

тайн||ый, -ая, -ое 1. махфӣ, пинҳонӣ, ниҳонӣ, пушида; ~ое собрание маҷлиси пинҳонӣ; ~ый договор шартномаи махфӣ 2. пинҳонӣ, ниҳонӣ; норавшан; ~ый недруг душмани пинҳонӣ; ~ая надежда умеди пинҳонӣ; ~ая мысль фикри ниҳонӣ ◇ ~ые выборы интихобот бо овоздиҳии пинҳонӣ; ~ое голосование овоздиҳии пинҳонӣ

тайфун м туфон

так 1. нареч. ҳамин тавр, инак, ин хел, ҳамин хел; он сказал именно ~ вай маҳз ҳамин тавр гуфтааст 2. нареч. ин қадар, он қадар, чунон; я ~ много ходил, что едва стою на ногах ман чунон бисьёр гаштам, ки ба зӯр пойҳоям рост меистанд 3. нареч. бенатиҷа, беҷазо; это ~ не пройдёт ин беҷазо намемонад; ~ оставить этого нельзя ин корро бенатиҷа монондан мумкин нест 4. нареч. ҳамту, беғаразона; он сказал это просто ~ ӯ инро ҳамту гуфт 5. нареч. разг. худ ба худ, ҳамту; болезнь не пройдёт ~ дард худ ба худ намемонад; я и ~ достану, без лестницы ман ҳамту бе нардбон ҳам мегирам 6. частица разг. ҳеҷ чиз, ҳеҷ, ҳеҷ гап не; что с тобой? — Так ба ту чӣ шуд?— Ҳеҷ гап не 7. союз дар он сурат, пас, набошад, -дия; работу сделал, ~ можно и отдохнуть корро иҷро карда бошӣ, дам гирифтан мумкин аст; работать, ~ работать кор кардан бошад — кор кардан-дия 8. частица пас; бинобар ин; хуш; ~ ты мне не веришь? пас ту ба ман бовар намекунӣ?; ~ едем? пас меравем? 9. союз аммо, вале; афсус, ҳайф; я говорил ему, ~ он не сделал этого ман ба у гуфта будам, аммо вай ин корро накард 10. частица бале, ҳа, оре, дар ҳақиқат; ~ это он? ин кас дар ҳақиқат, вай бошад?; ~ вы не ошиблись бале, шумо хато накардед 11. частица усил. чунин; чӣ хел; я ~ думаю, что ты неправ ман чунин фикр дорам, ки гапи ту ҳақ нест; вот у него конь ~ конь! аспаш кирои таъриф будааст! 12. частица огранич. қариб, тахминан; человек лет ~ пятидесяти одами тахминан панҷоҳсола 13. частица масалан, чунончӣ; в Душанбе летом жарко, ~, температура в тени доходит до сорока градусов дар Душанбе тобистон гарм мешавад, масалан дар соя ҳарорат ба чил дараҷа мерасад ◇ вот ~ ана халос, ана, анаю мана; вот так так кор ҳамту будааст-да, ана, дидӣ, халос; вот так клюква!, вот так фунт!, вот так штука! прост. аҷабо!, кора бинед-а!; всё ~ фарз кардем ҳамин тавр бошад; розӣ ҳастам, гирем ки...; давно бы ~ кайхо ҳамин тавр карданатон даркор буд; за ~ прост. муфт, ройгон; и ~ [уж] бе ҳамон ҳам, бе ин ҳам; и ~ [уж] достаточно бе ин ҳам кифоя аст; и ~ далее (и т. д.) ва ҳоказо, ва ғайра (ва ғ.); [и] ~ и сяк 1) ҳам ин тавру ҳам он тавр; ҳар хел; она [и] ~ и сяк примеряла шляпу вай шляпаро ҳам ин тавру ҳам он тавр пушида медид 2) (кое-как) чала-чулпа, нимкора 3) (ни то, ни сё) як навъ, на нағзу на бад; [и] ~ и ~, [и] ~ и этак 1) см. [и] ~ и сяк 1); 2) ҳам ин тавр, ҳам он тавр, ҳам инчу-

нин, ҳам ончунон; **как** [**бы**] **не** ~! ҳамин тавр набудагист!, ин тавр набошад даркор!; **пусть** ~ хуб, майлаш, бошад, ҳамин тавр бошад, бигузор; ~ **бы** ҳамин, ҳамин тавр; ~ **бы и бросил всё** ҳамин тавр ҳамаашро мепартофтам; **так вот** 1) инак, ҳамин тавр; **так вот, слушайте, что дальше произошло** [хайр набошад] гуш кунед, охираш чӣ шуд; 2) ана [аз] барои ҳамин; **так вот ему и приходится уезжать** ана аз барои ҳамин аз ин ҷо рафтанаш лозим меояд; ~ **его (их)!** ҷазояш(он) бинад (бинанд)!, ҳақ!, меарзад!; ~ **и** 1) сахт, бисьёр; **слёзы** ~ **и льются из глаз** ашк шаш қатор аз чашмонаш мерезанд; **солнце** ~ **и жжёт** офтоб сахт месузонад 2) якбора, ҳамту; **он** ~ **и обмер** вай якбора карахт шуда монд 3) ҳеҷ; ~ **он и пойдёт с вами!** вай ҳеҷ ҳамроҳи шумо намеравад!; ~ **он тебя и послушал!** магар вай гапи туро гуш мекунад!; 4) нағз, хуб; **я** ~ **и знал** ... ман нағз медонистам, ки ...; ~ **и быть** шавад, шудан гирад, майлаш; ~ **и есть** дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр аст; ~ **и знай(те)** дониста мон(етон), дониста гир(ед), дар ёдат(он) бошад; ~ **и знай, что это тебе не удастся** дониста мон, ки ин корро карда наметавонӣ; ~ **и надо (нужно)** *кому* сазояш ҳамин аст, ҳаққаш ҳамин аст; ~ **ему и надо!** вай бо ҳамин сазовор аст!, ҳаққаш ҳамин!; ~ **и** ~ [**мол, дескать**] гуё ҳамин хел; ~ **или иначе** 1) ба ҳар ҳол, ҳар тавре ки бошад 2) бо вуҷуди ин, ба ҳар ҳол; ~ **как** *союз* чунки, зеро ки...; **я спешу,** ~ **как пора идти на работу** ман мешитобам, чунки вақти ба кор рафтан шуд; ~ **называемый** ба номаш, гуё ки; ~ **на** ~ *прост.* сар ба сар; **так нет** аммо; баръакс; **ему надо быть дома, так нет, он ушёл** вай бояд дар хона мебуд, аммо рафта мондааст; **так себе** ҳамту, бад не, як навъ; **как вы себя чувствуете? — Так себе** аҳволатон чӣ тавр? — Як навъ; ~ **сказать** *вводн. сл.* гуфтан мумкин; ~ **точно** *воен.* ҳа, ҳамин тавр; ~ **что** *союз* бинобар ин, барои ҳамин ҳам; **времени у нас мало,** ~ **что поторопись** вақтамон кам, бинобар ин ту тез бош; ~ **чтобы** *союз* ки..., то ки..., барои он ки...; **надо выйти пораньше,** ~ **чтобы не опоздать** барвақттар баромадан лозим, то ки дер намонем; **будьте** ~ **добры** марҳамат фармоед, бемалол бошад, агар заҳмат нашавад

такать *несов. прост.* бале-бале гуфтан, балегӯӣ кардан

такелаж *м* 1. *мор.* бандубасти киштӣ; танобҳои киштӣ 2. *спец.* таноби борбардорӣ

также *нареч. и союз присоед.* инчунин, ҳамчунин, ҳам, низ; **он** ~ **поедет в Москву** вай ҳам ба Москва меравад; **он, а** ~ **и я выступим на конференции** вай дар конференсия баромад мекунад, инчунин ман ҳам

таки, -таки *частица разг.* бо вуҷуди ин, ба ҳар ҳол; **он успел-**~ **на поезд** вай ба ҳар ҳол ба поезд расида омад; **он** ~ **поедет** вай ба ҳар ҳол меравад

таков *мест. указ. в знач. сказ.* ҳамин хел аст, ҳамин гуна аст, чунин аст; ~**ы факты** чунинанд фактҳо, фактҳо чунинанд; **все они** ~**ы** ҳамаи онҳо ҳамин хеланд; **он не** ~, **как мы думали** у на он тавр аст, ки мо гумон карда будем; **кто он** ~? вай кӣ худаш?, вай кӣ шудааст? ◇ [**и**] **был** ~ бадар канд, ғайб зад, зуд гум шуд

таковой, -ая, -ое *мест. указ. офиц. и уст.* ҳамин хел, ҳамин гуна, чунин ◇ **как** ~ аслан; **вопрос важен как** ~ масъала аслан муҳим аст

таковск||ий, -ая, -ое *прост. чаще пренебр.* ҳамин хел, ҳамин гуна, ҳамин тавр, ин гуна; **он не** ~**ий человек** вай ин хел одам не ◇ **не на** ~**ого напал** *прост.* тушбераро хом шумурдӣ

так||ой, -ая, -ое *мест.* 1. *указ.* ҳамин хел, ҳамин гуна, чунин; ~**ой человек нам и нужен** ба мо ҳамин хел одам лозим аст; ~**ой, какой есть** ҳамин хеле ки ҳаст, чӣ хеле ки ҳаст; **точно** ~**ой** айнан ҳамин хел 2. *определит.* чунон; **он заговорил** ~**им голосом, что мы испугались** вай чунон баланд гап зад, ки мо тарсидем 3. *в знач. сущ.* **такое** *с* ин хел чиз(ҳо), ҳамин хел чиз(ҳо), чунин чиз(ҳо); ~**ое случается не часто** ин хел ҳодиса фақат гоҳ-гоҳ руй медиҳад; **о нём говорят** ~**ое, что не верится** дар бораи вай чизҳое мегуянд, ки боварии кас намеояд ◇ ~**ой же** !) (*подобный кому-чему-л.*) монанд, барин 2) (*как всегда*) пешинааш барин, пештара барин; **он остался** ~**им же** вай пештарааш барин мондааст; ~**ой же ..., как** ба айни ... монанд; ~**ое дело** *прост.* гап ҳамин ки...; ~**им образом** 1) ҳамин тавр, ҳамин хел; ~**им образом он и поступил** вай ҳамин тавр ҳам муомила кард 2) *в знач. вводн. сл.* пас, инак, яъне, ҳамин тавр; **в** ~**ом разе** *прост.*, **в** ~**ом случае** дар ин сурат, агар ин тавр бошад, он гоҳ; **в** ~**ом случае вам придётся остаться** дар ин сурат монанди шумо лозим аст; **в** ~**ом роде** тахминан ҳамин тавр, гуё ҳамин тавр; **до** ~**ой степени** то ҳамин дараҷа; **и всё** ~**ое** [**прочее**] *прост.* ва ҳоказо, ва монанди ин; **какой** ~**ой?** *прост.* худаш чӣ хел?, чӣ хелӣ?; **кто** ~**ой?** кӣ худаш?; **кто** ~**ие?** кӣ худашон?; **что** ~**ое?** чӣ?; **что** ~**ое случилось?** чӣ шуд?, чӣ гап шуд?; **что** [**же (ж) это**] ~**ое?** ин чӣ гап худаш?; **что** [**же (ж) тут**] ~**ого?** дар ин чӣ ҷои тааҷҷуб?; **есть** ~**ое дело** *прост.* хуб шудааст, хуб шуд

такой-сякой, -ая, -ое *разг.* фалону беҳмадон, фалону бисмадон; **ах, ты** ~! э, ту фалону беҳмадон!

такой-то, такая-то, такое-то *мест. неопр.* фалон; фалон кас; ~ [**человек**] фалон кас; **такого-то числа** фалон руз

такс||а I *ж* баҳо, нарх, нархи муайян; **твёрдая** ~**а** нархи қатъӣ; **продавать по** ~**е** бо нархи муайян фурухтан

такса II *ж* такса (*навъе аз сагҳои пакаиаи каҷпо ва пахмоқ*)

таксатор *м* баҳогузор, нархгузор, мутахассиси нархгузорӣ

таксационный, -ая, -ое ... и баҳогузорӣ

таксация *ж* 1. *эк.* баҳогузорӣ, нархгузорӣ, нархмонӣ 2. *лес.* таксация (*муайянкунии миқдори дарахтҳои шинондашуда*) 3. таксация (*муайянкунаи ҳосил*)

такси *с нескл.* таксӣ; **взять** ~ такси киро кардан, такси гирифтан

таксировать *сов., несов. эк.* баҳо гузоштан, нарх мондан

таксироваться *несов. страд. эк.* баҳо гузошта шудан

таксировка *ж* (*по знач. гл.* **таксировать**) баҳогузорӣ, нархмонӣ; ~ **грузов** нархмонии бор

таксировщик *м* нархгузор

таксист *м разг.* таксист, ронандаи таксӣ, шофёри такси

таксовый, -ая, -ое ...и такса, ...и нархи муайян

таксометр *м* таксометр (*асбобест, ки масофаи тайкардаи автомобиль ва пули кирои онро қайд мекунад*)

таксомотор *м* таксомотор, такси

таксомоторный, -ая, -ое ...и таксомотор; ~ **парк** парки таксомоторҳо

так-сяк *в знач. сказ. разг.* мешавад, мумкин аст, ҳеҷ гап не; шудан мегирад; **ну, это ещё** ~ ин ҳоло ҳеҷ гап не

такт I *м* 1. *муз.* зарба; **двудольный** ~ оҳанги дузарба 2. зарб; вазн; **в** ~ мувофиқи зарб; **раскачиваться в** ~ **мелодии** ба оҳанги наво алвонҷ хурдан; **отбивать** ~ зарби навоеро нишон додан 3. *тех.* такт

такт II *м* одоб, одоби муомила, риояи одоб, баодобӣ; **чувство** ~**а** риояи одоб; **соблюдать** ~ ба одоби муошират риоя кардан; **держать себя с** ~**ом** худро боодоб нигоҳ доштан

так-таки *частица разг.* 1. бо вуҷуди ин, ба ҳар ҳол; **он сумел** ~ **добиться своего** бо вуҷуди ин вай аз уҳдаи азми худ баромада тавонист 2. (*действительно*) ҳақиқатан

тактик *м* тактик, тактикадон, мутахассиси тактика

тактик||а *ж прям., перен.* тактика; ~**а морского боя** тактикаи ҷанги баҳрӣ; **курс** ~**и** курси тактика

тактильн||ый, -ая, -ое *биол.* ...и ламс, ...и ломиса; ~**ые ощущения** эҳсоси ламс, эҳсосоти ломиса

тактическ||ий, -ая, -ое *прям., перен.* тактикӣ, ...и тактика; ~**ие учения** машқҳои тактикӣ; ~**ое руководство** роҳбарии тактикӣ

тактично *нареч.* боодобона; **поступить** ~ боодобона рафтор кардан

тактичность *ж* боодобӣ, аз руи одоби муошират будан(и); **проявить** ~ боодобӣ кардан

тактичн||ый, -ая, -ое (**тактич**|**ен, -на, -но**) боодоб(она); ~**ый человек** одами боодоб; ~**ое поведение** рафтори боодобона

=та́ктный, -ая, -ое *қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки ҷузъи аввали онҳо миқдори тактҳоро нишон медиҳад:* **четырёхта́ктный** чортакт

та́ктовый, -ая, -ое *муз.* ...и оҳанг, ...и зарб; ~ **разме́р** пардаи оҳанг

такы́р *м* такир

такы́рный, -ая, -ое ...и такир

тал *м см.* **тальни́к**

тала́н *м прост. и обл.* толеъ, бахт, барор, насиба

тала́нт *м* 1. истеъдод, қобилият; **музыка́льный** ~ истеъдоди мусиқӣ ◊ *разг.* маҳорат, маҳоратнокӣ; ~ **кулинара** маҳорати пухтупаз 2. одами боистеъдод; **он большо́й** ~ вай одами хеле боистеъдод аст; **молоды́е** ~**ы** соҳибистеъдодҳои ҷавон ◊ **зары́ть** ~ [**в зе́млю**] истеъдодро бар бод додан

тала́нтливо *нареч.* боистеъдод(она)

тала́нтливость *ж* боистеъдодӣ, заковатнок будан(и); **приро́дная** ~ боистеъдодии (истеъдоди) табиӣ; ~ **певца** боистеъдодии хофиз

тала́нтлив||ый, -ая, -ое (талантлив, -а, -о) боистеъдод; ~**ый худо́жник** рассоми боистеъдод; ~**ая опера** операи баландсанъат; ~**ый рассказ** ҳикояи барҷаста

талды́чить *несов. что и без доп. прост.* безоркунон (дилгиркунон) гап задан, дилбазан гап задан

та́лев||ый, -ая, -ое *мор.* танобӣ; ~**ые бло́ки** ғарғараҳои танобӣ

та́лер I *м полигр.* талер (1. *мизи ҳуруфбандӣ* 2. *мизи ҳарфмонаки мошини чоп*)

та́лер II *м* талер (*тангаи қадимаи немисӣ*)

та́ли *тк. мн. мор.* танобҳои ғарғара

талисма́н *м* тилисм, тумор, бозубанд, таъвиз

та́ли||я I *ж* миён, камар; **тонкая** ~**я** миёни борик // (*часть платья*) камари курта; **обу́зить** ~**ю** камари куртаро борик кардан ◊ **у неё** ~**я рю́мочкой (в рю́мочку)** вай хипчамиён (мурчамиён) аст

та́лия II *ж карт.* 1. ду дастаи қарта (*барои бозӣ*) 2. як пайти бозӣ (*то тамом шудани як дастаи қарта*)

та́ллий *м хим.* таллий (*элементи химиявӣ, металл*)

талму́д *м* (Т *прописное*) Талмуд (*китоби муқаддаси яҳудиён*)

талмуди́зм *м* корнёдчигӣ, ҳарфпарастӣ, расмиятчигӣ

талмуди́ст *м* 1. талмудшинос 2. корнёдчӣ, ҳарфпараст, расмиятчӣ

талмуди́стский, -ая, -ое 1. ...и Талмуд, ...и талмудшинос 2. *перен.* ...и корнёдчӣ, ...и ҳарфпараст; ...и расмиятчигӣ

талмуди́ческий, -ая, -ое *см.* **талмуди́стский**

та́ловый, -ая, -ое *см.* **тальнико́вый**

тало́н *м* 1. талон, чек; ~ **на бензин** талони бензин 2. талон; ~ **чека** талони чек; ~ **облига́ции** талони облигатсия ◊ **открепи́тельный** ~ талони азҳисоббароранда; **прикрепи́тельный** ~ талони баҳисобгиранда

тало́нный, -ая, -ое ...и талон, талондор

та́л||ый, -ая, -ое об шудаистода, обшуда, яхобшуда; ~**ый снег** барфи об шудаистода; ~**ая земля** замини яхаш обшуда; ~**ая вода** оби барф

тальк *м* талқ; **присыпа́ть** ~**ом** талқ пошидан

та́льковый, -ая, -ое ...и талқ

та́льма *ж уст.* саргираки занон

тальни́к *м* буттабед

тальнико́в||ый, -ая, -ое ...и буттабед; ~**ые за́росли** чакалаки буттабед

талья́нка *ж разг.* тальянка (*навъи гармонь*)

там 1. *нареч.* дар он ҷо, он ҷо; **вы́ход** ~ ҷои баромад он ҷо 2. *нареч. разг.* баъд, сонӣ; ~ **ви́дно бу́дет, что де́лать** баъд маълум мешавад, ки чӣ кор кардан даркор 3. *частица разг. в сочет. с мест. и нареч. пренебр.* ким=; **каки́е** ~ **дела́**! кор дар куҷо!, кори чӣ!; **како́й-то** ~ **неизве́стный челове́к** кимкӣ; **когда́-то** ~ **ещё** [**напи́шет, сде́лает**] думи шутур ба замин расад, ки [менависад, мекунад] 4. *частица разг. в уступ. оборотах:* **кто бы** ~ **ни** ҳар кӣ бошад; **что бы** ~ **ни** ҳар чӣ, ҳар чӣ бошад ҳам; **как бы** ~ **ни** ҳар ҳол; **что бы ты** ~ **ни говори́л, а он прав** ту ҳар чӣ гӯӣ ҳам, гапи вай рост ◊ **како́е** ~! ҳаргиз ин тавр не!, ҳеҷ гоҳ!; нашуд!; тамоман баръакс!; **то́лько собра́лся выходи́ть** — **како́е** ~! **Опя́ть дождь пошёл** акнун рафтанӣ будам — ҳеҷ нашуд! Боз борон борид; **чего́ (что)** ~! аҳамият надорад!; **бери́, чего́** ~! гирифтан гир, аҳамият надорад!; ~ **и сям**, ~ **и тут** дар ҳама ҷо, дар ҳар ҷо; **то** ~, **то сям**; **то** ~, **то тут** гоҳ ин ҷо, гоҳ он ҷо; **одна нога́ здесь, друга́я** ~ бисьёр тез, барквор

тама́да *м* соқӣ, косагул

тамари́нд *м бот.* тамр

тамари́ндовый, -ая, -ое ...и тамр

тамари́ск *м бот.* ғаз, юлғун

тамари́сковый, -ая, -ое ...и ғаз, ...и юлғун; ~ **куст** буттаи юлғун

та́мбур I *м* 1. дарвозахона, ҷилавхона 2. *ж.-д.* тамбур 3. *архит.* бунлод

та́мбур II *м* (*род вышивки*) юрма

тамбу́р *м* 1. (*род мандолины*) танбур 2. (*барабан*) нақора, табл

тамбури́н *м* 1. (*бубен*) доира, дафи зангдор 2. *уст.* нақораи калон

тамбурмажо́р *м уст. воен.* сарнақорачии полк

та́мбурный I, -ая, -ое ...и бунлод

та́мбурный II, -ая, -ое ...и юрма; ~ **шов** юрмадузӣ

та́мга *ж* тамға, муҳр

тами́лы *мн.* тамилҳо (*яке аз халқҳои Ҳиндустон*)

тами́льский, -ая, -ое тамилӣ, ...и тамил; ~ **язы́к** забони тамилӣ

тамо́женник *м* гумрукчӣ

тамо́женн||ый, -ая, -ое гумрукӣ, ...и гумрук; ~**ая по́шлина** ҳаққи гумрукӣ; ~**ый осмо́тр** назорати гумрукӣ; ~**ый досмо́трщик** нозири гумрук

тамо́жня *ж* гумрукхона

тамо́шний, -яя, -ее *разг.* онҷоӣ, дар он ҷо будагӣ, ...и он ҷо; ~ **жи́тель** сокини он ҷо

тампо́н *м мед.* латта, дока, пахта (*барои нигоҳ доштани хун ё кашидани фасод*)

тампона́ж *м горн.* қирбандӣ (*бо цемент, битум ё гил пур кардани холигӣ ва тарқишҳо барои ирбитониндани қабатҳои обдор ё газдор*)

тампони́рование *с* (*по знач. гл.* **тампони́ровать**) латтамонӣ, пахтамонӣ

тампони́ровать *сов., несов. что мед.* латта (пахта) мондан

тампони́роваться *несов. страд.* латта (пахта) гузошта шудан

там-сям *нареч.* дар ҳама ҷо, дар ҳар ҷо

тамта́м *м* 1. санҷ 2. табли африкоӣ

танбу́р *м см.* **тамбу́р**

та́нгенс *м мат.* тангенс

та́нго *с нескл.* танго (*навъи рақс ва мусиқии он*)

танде́м *м* тандем (1. *тартиби ҷойгиршавии қисмҳои асбоб ё таҷҳизот дар як хат* 2. *паиҳам ҷои гирифтани цилиндрҳои мошинҳои буғӣ* 3. *велосипеди дукаса* 4. *перен. дукаса иҷро кардани коре*)

танды́р *м* танур

та́н||ец *м* 1. рақс, усул, арғушт; **иску́сство** ~**ца** санъати рақс; **наро́дные** ~**цы** рақсҳои халқӣ ◊ *мн.* **та́нцы** шаби рақс; **пойти́ на** ~**цы** барои рақс ба ҷое рафтан 2. *муз.* рақс; ~**цы Бра́мса** рақсҳои Брамс

тани́н *м* ҷавҳари мозу

тани́новый, -ая, -ое ...и ҷавҳари мозу

танк I *м* танк; **тяжёлый** ~ танки вазнин; **лёгкий** ~ танки сабук; ~**-амфи́бия** танки амфибия (*танки шиновар*)

танк II *м* танк (*зарфе барои нигоҳ доштан ва кашондани моеъот*)

та́нкер *м* танкер (*киштии моеъкашон*)

танкерн||ый, -ая, -ое танкерӣ, ...и танкер; ~**ое су́дно** киштии танкерӣ

танке́тка I *ж* танкча, танкетка (*танки хурд ва тезгард*)

танке́тка II *ж см.* **танке́тки**

танке́тки *мн.* (*ед.* **танке́тка** *ж*) шиппаки занона

танки́ст *м* танкист

танки́стский, -ая, -ое танкистӣ, ...и танкист

танко́в||ый, -ая, -ое ...и танк, танкӣ; ~**ое ору́дие** тӯпи танкӣ; ~**ая ата́ка** ҳуҷуми танкӣ (танкҳо); ~**ые во́йска** қӯшунҳои танкӣ

танкодро́м *м* танкодром

танкострое́ние *с* танксозӣ; саноати танксозӣ

танкострои́тель *м* танксоз, устои танксоз, мутахассиси танксозӣ

танкострои́тельн||ый, -ая, -ое ...и танксозӣ; ~**ая промы́шленность** саноати танксозӣ

танта́л *м хим.* тантал (*элементи химиявӣ, металл*) ◊ **му́ки Тантала** *см.* **танта́лов** (**танта́ловы му́ки**)

танталов, -а, -о: **~ы муки** азоби Тантал *(киноя аз ривояти юнониён, ки подшоҳи Лидия Тантал бо хости худоён то гулӯ як умр дар об меистодаасту ба болои сараш шоххои пурмева хам мешудаанд, вале ҳамин, ки нушиданӣ шавад об поён мерафтааст у хурданӣ шавад, шоххои пурмева дур мерафтаанд ва бо ҳамин азоб то рӯзи арасот мезистааст; маҷозан азобу уқубати бепоёни тоқатгудоз)*

танур *м* танур

танцевальн||ый, -ая, -ое ...и ракс, ...и раққосӣ; **~ая музыка** мусиқии ракс; **~ый мотив** оҳанги ракс; **~ое искусство** санъати ракс (раққосӣ); **~ый вечер** шаби ракс

танцевать *несов.* 1. *что* рақсидан, рақс кардан, арғушт рафтан; **~ вальс** вальс рақсидан 2. рақс карда тавонистан; **он не танцует** вай рақс карда наметавонад 3. *перен. (о лошади)* бозӣ кардан, рақсидан *(о предметах)* ҷунбидан ◇ **~ от печки** кореро аз ибтидо сар кардан

танцзал *м* рақсгоҳ, толори рақс

танцмейстер *м* муаллими ракс

танцовщик *м* 1. *уст.* раққос, усулчӣ 2. артисти балет

танцовщица *ж* 1. *уст.* раққоса 2. артисткаи балет

танцор *м* раққос, усулчӣ

танцорка *ж* раққоса

танцплощадка *ж* (танцевальная площадка) майдони ракс

танцулька *ж прост.* шаби ракс, шаби нағмаву усул

тапёр *м* отарчӣ *(машшоқе, ки барои музди муайян дар тӯйҳо ҳунарнамоӣ мекунад)*

тапёрша *женск. к* **тапёр**

тапир *м зоол.* тапир *(ҳайвони ширхори тоқсуми дарозтумшуқ)*

тапки *мн. (ед.* **тапка** *ж) разг.* шиппак

тапочки *мн. (ед.* **тапочка** *ж) см.* **тапки**

тар *м* 1. тор *(асбоби мусиқии торӣ, ки дар Кавказ ва Осиёи Миёна шӯҳрат дорад)* 2. *(бубен)* доира, даф *(дар Миср ва Сурия шуҳрат дорад)*

тара *ж* 1. зарфи (ҷилди) холӣ; **деревянная ~** зарфи чӯбин 2. *(вес упаковки)* вазни зарфи (ҷилди) холӣ

тарабанить *несов. разг.* тақар-туқур кардан

тарабарск||ий, -ая, -ое номафҳум, бемаънӣ, бемазмун; **~ая грамота** чизи бемаънӣ ва номафҳум

тарабарщина *ж разг.* чизи бемаънӣ ва номафҳум

таракан *м* нонхурак

тараканн||ий, -ья, -ье ...и нонхӯрак; **~ьи бега** пойгаи нонхуракҳо

таран *м* 1. *ист.* манҷаник 2. *мор.* таран *(нуги тези киштии зиреҳдор, ки бо он киштии душманро мезананд)* 3. *воен.* таран *(ҳамлакунӣ бо самолёт, киштӣ ё танки худ ба самолёт, киштӣ ё танки душман)*; **пойти на ~** таран кардан ◇ **гидравлический ~** тарани гидравликӣ *(навъе аз ҷиҳози обкашӣ)*

таран||ий, -ья, -ье ...и зағорамоҳӣ; **~ья уха** шӯрбои зағорамоҳӣ

таранить *несов. что* 1. *ист.* рахна задан 2. *воен.* таран кардан

таранн||ый, -ая, -ое 1. *ист.* ...и манҷаник; **~ая цепь** занҷири манҷаник 2. *мор., воен.* ...и таран ◇ **~ая кость** *анат.* устухони кафи пой

таранта *м, ж прост.* лаққӣ, сергап, пургуй, ҳарзагуй

тарантас *м* тарантас *(аробаи чорчархаи одатан соябондор)*

тарантасный, -ая, -ое ...и тарантас

тарантелла *ж* тарантелла (1. *як хел рақси шухи халқии италиягӣ ва мусиқии он* 2. *пьесаи мусиқӣ)*

тарантул *м зоол.* бий, ротил

тарань *ж зоол.* зағорамоҳӣ

тарарам *м разг.* шуру ғавғо, ҷанҷол, мағал, шавқун; **поднять ~** шӯру ғавғо бардоштан

тарарахать(ся) *несов. см.* **тарарахнуть(ся)**

тарарахну||ть *сов. прост.* 1. тарақ-қос (гурсос) бароварда задан; **гром ~л** раъд гулдуррос зада рафт 2. *кого-что (ударить)* тараққи карда задан // *(выстрелить)* тараққос занонда тир холӣ кардан

тарарахнуться *сов. прост.* сахт бархурдан, тараққос (гурсос) зада бархурдан; шалпи (шалаппос зада) афтодан; **~ в канаву** шалаппос зада ба ҷӯй афтодан

таратаечный, -ая, -ое ...и таратайка

таратайка *ж* таратайка *(аробаи хурди дучарха)*

таратора *м, ж прост. см.* **тараторка**

тараторить *несов. что и без доп. разг.* бидиррос задан, бидир-бидир кардан, тез-тез гап задан; **перестань ~!** бидиррос назан!

тараторка *м, ж разг.* лаққӣ, сергап, бидирросӣ

тарахтение *с (по знач. гл.* **тарахтеть** 1) тақар-туқур кардан(и), тақаррос задан(и); *(звуки)* ғуррос, тақар-туқур, тақаррос; **слышится ~ тракторов** ғурроси тракторҳо шунида мешавад

тарахтеть *несов. разг.* 1. тақар-туқур кардан, тақаррос задан 2. *что и без доп. перен.* лаққидан; **~ без умолку** лаққидан, беист гап задан

таращить *несов. что разг.* ало кардан, калон кушодан; **~ глаза** ало-ало нигоҳ кардан

таращиться *несов. разг.* 1. мош барин кушода шудан *(оид ба чашм)* 2. *на кого-что* ало-ало нигоҳ кардан, чашм ало кардан

тарелк||а *ж* 1. табакча, табақ; **глубокая ~а** табакчаи чуқур; **мелкая ~а** табакчаи майда 2. *мн.* **тарелки** *муз.* чалап, санҷ, лаълии биринҷӣ *(асбоби мусиқӣ ба шакли ду табақча)* ◇ [**быть**] **не в своей ~е** кайфпарида [будан]

тарелочка *ж уменьш. к* **тарелка** 1

тарелочный, -ая, -ое ...и табакча

тарирование *с (по знач. гл.* **тарировать**) восанҷӣ

тарировать *сов., несов. что* восанҷидан

тарировка *ж см.* **тарирование**

тариф *м* тариф; **железнодорожный ~** тарифи роҳи оҳан; **почтовый ~** тарифи почта ◇ **запретительные ~ы** боҷи гарон

тарификация *ж* тарификация, тарифгузорӣ; **~ заработной платы** тарификацияи музди кор

тарифицировать *сов., несов. что* тарификация кардан

тарифн||ый, -ая, -ое тарифӣ, ...и тариф; **~ая сетка** ҷадвали тарифҳо; **~ое бюро** бюрои тарификация

тарный, -ая, -ое ...и тара, ...и зарф (қуттӣ)

тартальщик *м* нефткаш

тартание *с* нефткашӣ

тартар *м миф.* ҷаҳаннам, дӯзах *(дар асотири Юнони Қадим)*

тартарары *тк. мн. нескл.* ҷаҳаннам; **провалиться бы ему в ~!** *разг.* э, ба ҷаҳаннам равад!, тезтар аз ин дунъё дафъ шавад!

тархан *м ист.* тархон (1. *номи заминдори калон дар байни халқҳои туркзабони асрҳои миёна* 2. *мулки тархон)*

тары-бары, **тары да бары**, **тары-бары-растабары** *тк. мн. нескл. прост.* гап-гап, гапҳои пучу холӣ; **разводить ~ с кем** гап-гап кардан, гапҳои пучу холӣ задан

таска *ж прост.* гӯшмол, шатта

таскание *с (по знач. гл.* **таскать**) кашондан(и), кашолакунӣ; **~ дров в сарай** кашондани ҳезум ба ҳезумхона

таскать *несов.* 1. *кого-что* кашондан, кашида бурдан, кашола карда бурдан; **~ брёвна** ғулаҳоро кашондан 2. *кого-что за что разг.* кашида ҷазо додан, гирифта кашидан; **~ за уши кого-л.** гуши касеро кашидан; **~ за волосы** аз муй кашидан 3. *кого-что разг. (воровать)* дуздидан, дуздида бурдан 4. *что разг. (носить одежду, обувь)* пушида гаштан ◇ **еле (едва) ноги ~** ба зур гаштан; **~ каштаны из огня** *для кого, кому* кори душворро ба нафъи дигарон кардан

таскаться *несов.* 1. *разг.* оворагард будан, сарсарӣ гаштан, овора шуда гаштан; **~ по улицам** куча ба кӯча гаштан; **~ по свету** ҷаҳонгардӣ кардан 2. *за кем прост.* кашола шуда гаштан *(аз паси зан)* 3. *страд.* кашонда шудан

тасовать *несов. что* тагу ру кардан, аралаш кардан; **~ карты** қартаҳоро тагу ру кардан

тасовка *ж (по знач. гл.* **тасовать**) тагурукунӣ

тат *м* тот; *см.* **таты**

татарин *м* тотор

татарка *ж* тоторзан, тотордухтар

татарник *м бот.* латтахор

татарский, -ая, -ое тоторӣ, ...и тоторҳо; **~ язык** забони тоторӣ

татары *мн.* тоторҳо

татка *ж* тотзан, тотдухтар; *см.* **таты**

татский, -ая, -ое тотӣ, ...и тотҳо; **~ язык** забони тотӣ

татуировать *сов., несов. кого-что* вашм

кардан, хол кубидан; ~ **рýку** дастро вашм кардан

татуйроваться 1. *сов., несов.* бадани худро вашм кардан, худро холкубӣ кунондан 2. *несов. страд.* вашм карда шудан

татуирóвка *ж* 1. (*по знач. гл.* **татуйровать**) вашмкунӣ, холкубӣ 2. вашм, холкубӣ

таты *мн.* тотҳо (*яке аз халқҳои Озарбойҷон ва Доғистон*)

тать *м уст.* ғоратгар, тороҷгар, яғмогар

татьбá *ж уст.* ғорат, тороҷ, яғмо

тафтá *ж* сундус

тахеометр *м геод.* тахеометр

тахеометрическ||ий, -ая, -ое *геод.* тахеометр; ~**ая съёмка** нақшабардории тахеометрӣ

тахеомéтрия *ж геод.* тахеометрия (*усули бардоштани нақшаи маҳал бо тахеометр*)

тахикардия *ж мед.* тахикардия, тапиши фавронии дил

тахи́метр *м гидр.* тахиметр (*асбоби чен кардани суръати рафтани об*)

тахóметр *м тех.* тахометр (*асбоб барои чен кардани суръати кунҷии даврзанӣ, мас. даврзании наварди мошин*)

тахтá *ж* кат

тачáние *с* (*по знач. гл.* **тачáть**) бахиядӯзӣ

тачáнка *ж* тачанка (*аробаи чорчархаи сабук*); **пулемётная** ~ тачанкаи пулемётдор

тачáть *несов. что* бахия дӯхтан; ~ **сапоги́** мӯзаро бахия дӯхтан

тáчечн||ый, -ая, -ое ...и занбарғалтак; ~**ое колесó** чархи занбарғалтак

тáчка I *ж см.* **тачáние**

тачка II *ж* занбарғалтак

тащи́ть *несов.* 1. *кого-что* кашондан, кашола кардан; ~ **бревнó** ғуларо кашола кардан 2. *кого-что* бурдан, бардошта бурдан; ~ **на спинé** пуштора карда бурдан 3. *кого-что* кашола кардан, кашидан; **букси́р тащит бáржу** буксир баржаро мекашад 4. *что разг.* кашидан, кашида гирифтан; ~ **ведро из колóдца** сатилро аз чоҳ кашида гирифтан; ~ **гвоздь из стены́** аз девор мехро кашида гирифтан 5. *кого-что разг.* (*красть*) дуздидан, дуздида бурдан 6. *что разг.* кашидан, кашида баровардан; ~ **сапóг с ноги́** мӯзаро кашидан ✓ ~ **клещами** (*слово, ответ и т. п.*) *из кого* ба зур (ҷавоб гирифтан, иқрор кунондан *ва ғ.*); ~ **зá уши когó-л.** аз гуши касе кашидан; ~ **на аркáне** *кого* зуран овардан (бурдан)

тащи́||ться *несов.* 1. кашола шудан; **подóл платья** ~**лся пó полу** домани курта заминро руфта мерафт 2. *разг.* ба зур гаштан, ба зур ҳаракат кардан, кашола шуда рафтан, оҳиста-оҳиста рафтан; **éле** ~**ться** ба зур гаштан; **лóшади мéдленно** ~**лись по дорóге** аспҳо дар роҳ оҳиста-оҳиста мерафтанд 3. *разг.* (*идти, ехать без охоты*) бо дили нохоҳам рафтан 4. *страд.* бурда шудан

тáяние *с* (*по знач. гл.* **таять**) обшавӣ; ~ **льда** обшавии ях; ~ **снегóв** обшавии барфҳо

таять *несов.* 1. об шудан; **снег ужé тáет** барф аллакай об шуда истодааст; **сегóдня тает** *безл.* имруз ҳаво мулоим 2. (*сгорать — о свече*) сухта тамом шудан 3. *перен.* харобу адо шудан; **она таяла день ото дня́** вай руз то руз хароб мешуд 4. *перен.* кам шудан, гум (ғоиб) шудан; **облако тает** абр пароканда шуда меравад; **звýки тáют** садоҳо оҳиста-оҳиста хомуш мешаванд; **дéньги тают** пул об барин меравад; **си́лы егó тáют** мадораш хушк шуда истодааст 5. *перен.* (*млеть*) ба риққат омадан ◇ [**так и**] **тáет во рту** дар даҳон об мешавад

твар||ь *ж* 1. *уст. книжн.* махлуқ, ҷонвар // *собир.* махлуқот 2. *прост. бран.* нокас, палид, ноҷинс ◇ **вся́кой** ~**и по пáре** ҳар хел, ҳар навъ, ҳар кй

твердéние *с* (*по знач. гл.* **твердеть**) сахтшавӣ; ~ **бетóна** сахтшавии бетон

твердéть *несов.* сахт шудан

тверди́ть *несов.* 1. *что, о чём* такрор (таъкид) кардан; ~ **однó и тó же** гашта баргашта ҳамон як гапро таъкид кардан 2. *что разг.* ҳиҷҷа кардан, гаштаю баргашта хондан; ~ **урóк** дарсро гаштаю баргашта хонда пухта кардан

твёрдо *нареч.* 1. устуворона, қатъӣ, қатъиян, бо матонат; ~ **реши́ть** қатъӣ қарор додан; **он в э́том** ~ **увéрен** у ба ин боварии қатъӣ дорад; ~ **держáться дáнного слова** ба қавли худ сахт истодан 2. устуворона, дуруст; **ребёнок ужé** ~ **дéржится на ногáх** бача ба по дуруст истода метавонад 3. бехато, беғалат; ~ **запóмнить** сахт дар ёд доштан; ~ **знать урóк** дарсро пухта аз худ кардан

твердозём *м* замини сахт, хоки сахт

твердокаменный, -ая, -ое 1. *уст.* санг барин сахт 2. *перен.* устувор, мустаҳкам, сахт, матин

твердокóжий, -ая, -ее *разг.* 1. сахтпуст, пустғафс 2. *перен.* пустғафс, сахтдил

твердолóбый, -ая, -ое (твердолóб, -а, -о) *разг.* кундфаҳм, кундзеҳн, каллакаду, каллаварам

твердонёбный, -ая, -ое *лингв.* ...и коми сахт

твёрдость *ж* 1. *физ.* сахтӣ, шахӣ 2. *перен.* устуворӣ, матонат, мустаҳкамӣ; ~ **характера** қавииродагӣ; ~ **дýха** матонат

твёрд||ый, -ая, -ое (твёрд, твердá, твёрдо) 1. *тк. полн. ф.* сахт, шах (*оид ба ҷисм*); ~**ое тéло** ҷисми сахт 2. сахт; ~**ый грунт** хоки сахт; ~**ая кóжа** пусти сахт; ~**ый как камень** санг барин сахт 3. *перен.* устувор, қатъӣ, матин, собитқадам, мустаҳкам; ~**ое решéние** қарори қатъӣ; ~**ое убеждéние** ақидаи мустаҳкам; **прояви́ть** ~**ую вóлю** қавиигодагӣ нишон додан 4. устувор, дуруст, қатъӣ; ~**ый курс** роҳи устувор; ~**ые знáния** донишҳои устувор ◇ ~**ый знак** аломати сакта(ъ); ~**ые соглáсные** *лингв.* ҳамсадоҳои сахт; ~**ые цéны** нархҳои давлатӣ; **в** ~**ом рассýдке** бо ақли солим

твердыня *ж высок.* 1. *уст.* қалъа, истеҳком, ҳисор 2. *перен.* такъягоҳ, пуштибон, муттако

твердь *ж уст. и книжн.*: ~ **земнáя** барр; ~ **небéсная** осмон

твёрже *сравн. ст. к* **твёрдый** *и к* **твёрдо**

твиндéк *м мор.* твиндек (*ҳуҷраи кишти дар миёнаҷои ду саҳни он*)

твист *м* твист (*рақси маъмули америкой*)

твой (твоя, твоё, твой) *мест. притяж.* 1. ...ту, аз они ту; ~ **карандáш** қалами ту 2. *в знач. сущ.* **твоё** *с разг.* моли ту, чизи ту, ҳаққи ту; **твоегó мне не нýжно** чизи ту ба ман даркор не; ҳаққи ту ба ман лозим не // *в сочет. со сравн. ст. нареч.* (*чем ты*) аз ту..., назар ба ту...; **он знает бóльше твоегó** вай аз ту бештар медонад 3. *в знач. сущ.* **твои́** *мн. разг.* аҳли хонадони ту, хешовандони ту; **как поживают твои́?** аҳволи аҳли хонадонат чӣ тавр? 4. *в знач. сущ.* **твой** *м прост.* шавҳар; ошиқ; **твоя** *ж прост.* зан; маъшуқа ✓ **твоё дéло** ин кори туст; худат медонӣ; **не твоё дéло** ин кори ту не, ту дахл накун; **с твоё** *прост.* ба қадри ту; **по-твóему** 1) ту барин, монанди ту; **он всё дéлает по-твóему** вай ҳама корро монанди ту мекунад 2) мехостагиат барин; **всё бýдет по-твóему** ҳама кор мувофиқи гуфтаи ту мешавад 3) *в знач. вводн. сл.* ба фикри ту, ба хаёли ту; **по-твоему, он прав?** ба фикри ту, ҳақ ба ҷониби вай аст?; **твоя берёт (взяла)** дасти ту боло, ту ғолиб; **он поёт, что** ~ **соловéй** *прост.* вай булбул барин месарояд

творéни||е I *с* 1. (*по знач. гл.* **твори́ть** I 1) *уст. и книжн.* эҷод кардан(и), барпо кардан(и) 2. асар, эҷод, таълиф, маҳсул; ~**я вели́ких поэ́тов** асарҳои шоирони бузург 3. *уст.* (*живое существо*) махлуқ

творéние II *с* (*по знач. гл.* **твори́ть** II) ҳал кардан(и), омезиш, маҳлул кардан(и); ~ **и́звести** куштани оҳак

творéц *м* 1. *высок.* эҷодкор, буньёдкор, эҷодкунанда, бинокунанда 2. *рел.* холиқ

твори́ло *с* зарфи дуғобкунӣ; зарфи оҳакшукуфонӣ

твори́тельный, -ая, -ое: ~ **падéж** *грам.* падежи творительный (*яке аз шаклҳои тасрифи калима, ки ба саволҳои «бо кӣ?», «бо чӣ?», «аз тарафи кӣ (чӣ)?» ҷавоб медиҳад*)

твори́ть I *несов.* 1. *что и без доп.* эҷод кардан, барпо кардан; ~ **нóвую жизнь** зиндагонии нав барпо кардан 2. *что* кардан, сохтан, нишон додан, ба вуҷуд овардан // *уст. и книжн.* иҷро кардан, ба ҷо овардан; ~ **суд и распрáву** суд карда ҷазо додан, ба суд кашида ҷазо додан; ~ **моли́тву** ибодат кардан, намоз хондан

твори́ть II *несов. что* ҳал кардан,

омехта кардан, махлул кардан; ~ **известь** оҳакро куштан; ~ **тесто** *прост.* хамир кардан

творит||ься I *несов.* 1. *разг.* руй додан, ба вуҷуд (ба амал) омадан, воқеъ шудан, шудан; **что здесь ~ся?** дар ин ҷо чи ҳодиса руй дода истодааст? *уст.* (*исполняться*) иҷро шудан (ёфтан) 2. *книжн.* (*создаваться*) эҷод шудан, барпо шудан 3. *страд.* эҷод карда шудан

твориться II *несов. страд.* ҳал карда шудан

творог *м* творог

творожист||ый, -ая, -ое (творожист, -а, -о) творогмонанд; **~ая масса** хамираи творогмонанд

творожить *несов. что* бурровдан, бандондан (*шири хомро*), творог кардан, творог барин кардан; ~ **молоко** шири хомро буррондан

творожиться *несов.* 1. (*о молоке*) творог шудан 2. *страд.* бурронда шудан

творожник *м* санбусаи панирин

творожн||ый, -ая, -ое творогӣ, ...и творог; ~ая масса хамираи творог

творческий, ая, -ое эҷодӣ, эҷодкорона; ~ **путь писателя** роҳи эҷодии нависанда

творчество *с* эҷодиёт, эҷод; **народное** ~ эҷодиёти халқ

те I *им., вин. мн. от* **тот, та, то**

те II *см.* **ты**

театр *м* 1. театр; **драматический** ~ театри драмавӣ; ~ **оперы и балета** театри опера ва балет 2. театр, бинои театр; **пойти в** ~ ба театр рафтан 3. *перен.* майдон, арса; ~ **военных действий** майдони амалиёти ҳарбӣ 4. *книжн.* театр (*маҷмуи асарҳои драмавии нависанда ва ё мактаби адибӣ*); ~ **Островского** театри Островский ◊ **анатомический** ~ ташреҳгоҳ

театрал *м* театрдуст, театрпараст

театрализация *ж* саҳнабоб кардани асари бадеӣ

театрализованный, -ая, -ое 1. *прич.* саҳнабоб кардашуда 2. *прил.* саҳнабоб; ~ **роман** романи саҳнабоб

театрализовать *сов., несов. что* саҳнабоб кардан; ~ **роман** романро саҳнабоб кардан

театрализоваться *несов. страд.* саҳнабоб карда шудан

театралка *женск. к* **театрал**

театрально *нареч.* ғайритабиӣ, сохтакорона

театральность *ж* 1. саҳнабоб будан(и) 2. *перен.* ғайритабиӣ будан(и), сохтакорона будан(и); ~ **жеста** ғайритабиӣ будани имову ишорат

театральн||ый, -ая, -ое (театра|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* ...и театр, аз они театр; ~**ое искусство** санъати театрӣ; ~**ая жизнь** ҳаёти театрӣ 2. *перен.* ғайритабиӣ, сохта, сунъӣ; ~ая **поза** намуди ғайритабиӣ

театровед *м* театршинос, мутахассиси соҳаи театр

театроведение *с* театршиносӣ, илми санъати театр

театроведческий, -ая, -ое ...и театршиносӣ, ...и санъати театр; ~ **факультет** факултети театршиносӣ

тебе *дат., предл. от* **ты**

тебя *род., вин. от* **ты**

тевтонец *м ист.* аҳли тариқати тевтонҳо

тевтонский, -ая, -ое *ист.* тевтонӣ, ...и тевтон; ~ **орден** тариқати тевтонҳо (*ташкилоти ҳирбии рыцарьҳои немис дар асрҳои 13—14*)

тевтоны *мн.* тевтонҳо (*қабилаи қадимии Германия*)

тезис *м* 1. *лог.* даъво, мулоҳиза 2. *филос.* тезис (*дар фалсафаи идеалисти марҳилаи аввали ҳар навъ процесси инкишоф*) 3. *чаще мн.* **тезисы** тезисҳо; **-ы доклада** тезисҳои маърӯза

тёзк||а *м, ж* ҳамном; **он твой ~а** вай ҳамномн туст, вай бо ту ҳамном аст; **мы с ним ~и** ману у ҳамномем

тезоименитство *с уст. высок.* иди мавлуди шоҳу шоҳзодагон

теизм *м* теизм, илоҳиёт

теин *м* кофеин

теист *м* теист, пайрави теизм

теистическ||ий, -ая, -ое ...и теизм, теистӣ, ...и теист; ~ **не взгляды** ақидаҳои теистӣ

текинский, -ая, -ое такагӣ, ...и қабилаи така; ~ **ковёр** қолини такагӣ

текинцы *мн.* мардуми така (*яке аз қабилаҳои калони туркман*)

текст *м* 1. матн; **подлинный** ~ матни аслӣ 2. *полигр.* текст (*номи яке аз ҳуруфи калон*)

текстиль *м собир.* матоъ, газвор, маснуоти саноати бофандагӣ

текстильн||ый, -ая, -ое ...и бофандагӣ; **~ая фабрика** фабрикаи бофандагӣ; **~ая промышленность** саноати бофандагӣ

текстильщик *м* бофанда

текстильщица *женск. к* **текстильщик**

текстовка *ж* навиштаҷот

текстовой, -ая, -ое 1. ...и матн, матни 2. *полигр.* ...и текст; ~ **набор** ҳарфчинии текст

текстолит *м* текстолит (*материали пластикӣ, ки аз матои серқабата тайёр карда мешавад*)

текстолитов||ый, -ая, -ое текстолитӣ, ...и текстолит; **~ая изоляция** изоляцияи текстолитӣ

текстолог *м филол.* матншинос, мутахассиси текстология

текстологическ||ий, -ая, -ое *филол.* текстологӣ, ...и текстология, ...и матншиносӣ; ~**ое исследование** тадқиқоти текстологӣ

текстология *ж филол.* текстология, матншиносӣ (*соҳаи филология, ки матнҳои асарҳои бадеиро меомузад ва бо нашри илмии онҳо машғул мешавад*)

текстуально *нареч.* айнан, ҳарф ба ҳарф

текстуальность *ж* айнан будан(и), ҳарф ба ҳарф (таҳтуллафз) будан(и); ~ **перевода** ҳарф ба ҳарф будани тарҷума

текстуальный, -ая, -ое, (текстуа|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* ...и текст. ...и матн, матнӣ 2. ҳарф ба ҳарф, таҳтуллафзӣ; ~ **перевод** тарҷумаи ҳарф ба ҳарф

текстура *ж геол.* таркиб, сохт

тектоника *ж* тектоника (1. *геол. сохти қишри Замин ва процессҳои дар вай руйдиҳанда* 2. *геол. соҳаи геология, ки сохти қишри Замин ва процессҳои дар вай руй медодагиро меомузад* 3. *архит. хусусиятҳои нисбат ба ҳамдигар ҷои гирифтани қисмҳои бино ва шаклу таносуби онҳо*)

тектоническ||ий, -ая, -ое *геол.* тектоникӣ, ...и тектоника; ~**ие движения** ҳаракатҳои тектоники

текучесть *ж* 1. *физ.* сайлоният; ~ **металла** сайлонияти металл 2. *перен.* азкорравӣ

текуч||ий, -ая, -ее 1. моеъ, обакӣ; ~**ие тела** *физ.* ҷисмҳои обакӣ 2. ҷорӣ, равон, шоранда; **~ая вода** оби равон 3. *перен.* ҷойивазкунанда, аз ҷое ба ҷое гузаранда, кучанда, беқарор

текучка *ж разг.* корҳои майда-чуйдаи ҳарруза

текущ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* шоранда, ҷоришаванда, равон 2. *прил.* ҷорӣ, ҳозира; **в ~ем году** дар соли ҷорӣ, имсол; **~ий момент** лаҳзаи ҳозира; **~ие события** воқеаҳои ҳозира; **~ая политика** сиёсати ҳозира 3. *прил.* навбатӣ, ҳарруза, ҷорӣ, дарнавбатистода; **~ие дела** масъалаҳои навбатӣ ◊ **~ий ремонт** таъмири фаръӣ; **~ий счёт** *фин.* ҳисоби ҷорӣ

теле- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «дур»*: **телепередача** теленамоиш; **телецентр** маркази телевизион

телеательё *с нескл.* телеателье, корхонаи таъмири телевизорҳо

телебашня *ж* телеманора, манораи телевизион

телевидение *с* телевизион

телевизионн||ый, -ая, -ое телевизионӣ, ...и телевизион; **~ый центр** маркази телевизионӣ; **~ая передача** намоиши телевизионӣ

телевизор *м* телевизор; **экран** ~**а** экрани телевизор

телевизорный, -ая, -ое телевизорӣ, ...и телевизор

телевышка *ж* манораи телевизион

телег||а *ж* ароба ◊ **пятое колесо в** ~**е** чизи нодаркор, дарди сари зиёдатӣ

телеграмм||а *ж* телеграмма; **срочная** ~**а** телеграммаи таъҷилӣ; **послать ~у** телеграмма фиристонидан

телеграф *м* 1. телеграф; **послать сообщение по ~у** ба воситаи телеграф хабар фиристонидан 2. телеграф, идораи телеграф

телеграфирование *с* (*по знач. гл.* **телеграфировать**) бо телеграф хабардиҳӣ, телеграммафиристонӣ

телеграфировать *сов., несов. что и без доп.* бо телеграф хабар додан, телеграф кардан, телеграмма фиристонидан; ~ **день выезда** рузи сафарро бо телеграф хабар додан

телеграфироваться *несов. страд.* телеграф карда шудан

телеграфист *м* телеграфчӣ, коркуни телеграф

телеграфистка *ж* телеграфистка, телеграфчизан, телеграфчидухтар

телеграфн||ый, -ая, -ое 1. телеграфӣ, ...и телеграф; **~ый столб** симчӯби телеграф; **~ый аппарат** аппарати телеграф; **~ое сообщение** хабари телеграфӣ; **~ое агентство** агентии телеграфӣ 2. *перен.* бисьёр кутоҳ, мухтасар, ихчам

тележка *ж* 1. *уменьш. к* **телега**; 2. *тех.* равонак (*қисми мутаҳаррики мошин ва баъзе дастгоҳҳои техники*); **крановая ~** равонаки кран

тележник *м* аробасоз

тележн||ый, -ая, -ое ...и ароба, аробагӣ; **~ый мастер** аробасоз, устои аробасозӣ; **~ое колесо** чархи ароба

телезритель *м* бинандаи телевизион, бинанда

телеизмерение *с физ.* телеченкунӣ (*аз масофаи дур чен кардани шиддат, чараён, қувваи электрик, ҳарорат, баландии парвоз ва ғ.*)

телеизмерительн||ый, -ая, -ое телеченкунӣ; **~ая аппаратура** аппаратураи телеченкунӣ

телекамера *ж* телекамера, камераи телевизион

телекино *с нескл.* телекино (*намоиш додани кино ба воситаи аппарати телевизион*)

телекомментатор *м* шореҳи телевизион

телекс *м* телекс (*шабакаи байналхалқии алоқаи абонентии телеграфӣ*); **передать по ~у** ба воситаи телекс хабар додан

телексн||ый, -ая, -ое ...и телекс; **~ая линия связи** хатти алоқаи телекс

телеметр *м* телеметр

телеметрическ||ий, -ая, -ое ...и телеметрия; **~ая связь** алоқаи телеметрӣ

телеметрия *ж биол., метео* телеметрия; *см.* **телеизмерение**

телемеханизация *ж* телемеханизация

телемеханика *ж* телемеханика

телемеханическ||ий, -ая, -ое телемеханикӣ, ...и телемеханика; **~ое устройство** дастгоҳи телемеханикӣ

телёнок *м* гусола; **ласковый ~ двух маток сосёт** *посл.* гусолаи ҳалим ду очаро мемакад ◇ **куда Макар телят не гонял** ба чойҳое, ки дар хоби шаб ҳам надаромадааст

телеобъектив *м* телеобъектив (*объективи фотографӣ, ки сурати чизеро аз масофаи дур калон карда мегирад*)

телеологический, -ая, -ое азалӣ

телеология *ж филос.* азалият (*таълимоти идеалистиест, ки аз рӯи он дар табиат ҳама чиз гӯё аз азал мувофиқи мақсад буда ба ягон қонуният тобеъ нест*)

телепатический, -ая, -ое ...и телепатия

телепатия *ж* телепатия (*тасаввуроти ғайриилмии оид ба имконияти аз дур дарк кардани ҳодисаю фикрҳо*)

телепередатчик *м* телепередатчик

телепередача *ж* теленамоиш

телеприёмник *м* телеприёмник, приёмники телевизионӣ

телерепортаж *м* телерепортаж, репортажи телевизионӣ

телеса *мк. мн. разг. шутл.* тулум

телескоп *м* телескоп; **солнечный ~** телескопи офтобӣ

телескопическ||ий, -ая, -ое телескопӣ, ...и телескоп; **~ая труба** карнаи телескоп

телескопия *ж* телескопия (*мушоҳидаи ҷирмҳои осмонӣ ба воситаи телескоп*)

телескопн||ый, -ая, -ое телескопӣ, ...и телескоп; **~ая труба** карнаи телескоп

телесность *ж книжн.* ҷисмоният

телесн||ый, -ая, -ое (телесен, -на, -но) 1. *мк. полн. ф. физ., мат.* ҷисмӣ, ...и ҷисм; **~ые свойства шара** хусусиятҳои ҷисмии кура 2. *мк. полн. ф.* ҷисмонӣ, баданӣ, ...и бадан; **~ое наказание** ҷазои ҷисмонӣ 3. *мк. полн. ф.* (*о цвете*) ҳамранги бадан, зарди пасти гулобитоб; **чулки ~ого цвета** пайпоқи зардранг 4. *книжн.* моддӣ, шайъӣ; **~ый мир** олами моддӣ

телеспектакль *м* спектакли телевизионӣ

телестудия *ж* телестудия

телетайп *м* телетайп (*аппарати чопи телеграфӣ*); **передать по ~у** бо телетайп интиқол кардан

телетайпн||ый, -ая, -ое ...и телетайп, телетайпӣ; **~ая лента** навори телетайп

телетеатр *м* театри телевизионӣ

телеуправление *с* телеидоракунӣ

телеуправляемый, -ая, -ое телеидорашаванда; **~ самолёт** самолёти телеидорашаванда

телеустановка *ж* теледастгоҳ; **промышленная ~** теледастгоҳи саноатӣ

телефильм *м* фильми телевизионӣ

телефон *м* 1. телефон; **междугородный ~** телефони байнишаҳрӣ; **~-автомат** телефон-автомат; **говорить по ~у** бо телефон гап задан; **позвонить по ~у** телефон кардан 2. *разг.* телефон, номери телефон

телефонизация *ж* телефонидан(и), телефонгузаронӣ; **~ нового дома** телефонидани хонаи нав

телефонизировать *сов., несов. что* телефонидан, телефон гузарондан, бо телефон таъмин кардан

телефонирование *с* (*по знач. гл.* **телефонировать**) бо телефон гапзанӣ, телефонкунӣ

телефонировать *сов., несов. что и без доп.* 1. бо телефон гап задан, телефон кардан, ба воситаи телефон хабар додан 2. *см.* **телефонизировать**

телефонист *м* 1. телефончӣ 2. алоқачӣ, алоқачии ҳарбӣ

телефонистка *ж* телефонистка, телефончизан, телефончидухтар

телефония *ж* телефония (*техникаи шунавоӣ ва қабули нутқ, мусиқӣ ва ғ. ба воситаи ҷараёни электрикӣ*)

телефонн||ый, -ая, -ое телефонӣ, ...и телефон; **~ая станция** станцияи телефон; **~ые провода** симҳои телефон; **~ый разговор** гуфтугӯи телефонӣ ◇ **~ая книга (книжка)** китоби телефон, рақамномаи телефон

телефонограмм||а *ж* телефонограмма; **передать ~у** телефонограмма додан; **принять ~у** телефонограмма қабул кардан

телец *м* 1. *уст.* гусола, навбаст 2. *астр.* (Т *прописное*) бурҷи Савр; Гови гардун ◇ **золотой (златой) ~** *книжн.* Гови тилло (*киноя аз ҳирси симу зар*)

телецентр *м* маркази телевизион

телешом *нареч. обл.* луччак

телеэкран *м* экрани телевизор

телиться *несов.* зоидан (*оид ба гов*)

тёлка *ж* гуноҷин, гусола

теллур *м хим.* теллур (*элементи химиявӣ, металл*)

теллурий *м астр.* теллурий (*асбоби барои намоиш додани ҳаракати Замин дар гирди Офтоб ва гардиши шабонарӯзии Замин гирди меҳвари худ*)

теллурическ||ий, -ая, -ое *физ., астр.* заминӣ; **~ие токи** ҷараёнҳои заминӣ

тел||о *с* 1. *физ., мат.* ҷисм; **твёрдое ~о** ҷисми сахт; **жидкое ~о** ҷисми моеъ; **небесные ~а** ҷирмҳои осмонӣ; **геометрические ~а** ҷисмҳои геометрӣ 2. тан, бадан, ҷасад, пайкар; **части ~а** узвҳои (аъзои) бадан; **температура ~а** ҳарорати бадан; **дрожать всем ~ом** бо тамоми бадан ларзидан // (*останки*) ҷасади мурда, майит 3. *мк. ед. прост.* фарбеҳӣ, танумандӣ; **быть в ~е** фарбеҳ будан; **войти в ~о** гушт гирифтан, фарбеҳ шудан; **спасть с ~а** аз гушт фуромадан; лоғар (хароб) шудан 4. бадан(а), асос; **~о плотины** танаи сарбанд; **~о позвонка** асоси фиқра // (*мякоть*) магз; **~о плода** мағзи мева 5. *воен.* мил ◇ **инородное ~о** 1) *мед.* ҷисми бегона 2) бегона, ҷисми (чизи) бегона; **душой и ~ом** бо ҷону дил, тамоман, пурра; **ни душой ни ~ом** тамоман; **ни душой ни ~ом не виноват** тамоман бегуноҳ; **держать кого-л. в чёрном ~е** касеро хору зор кардан, ба касе зулм кардан; **еле-еле душа в ~е** *погов.* ҷон ба лаб расида; рамақ аз ҷон доштан; **мурашки бегают по ~у** бадан ваҷаррос мезанад

телогрейка *ж* камзулча, нимтана (*як хел либоси кутоҳи беостини гарми занона*) // (*ватник*) камзули пахтадор

телогрея *ж* пустини занона (*либоси занонаи қадими русӣ, ки аз муина дӯхта шуда, остинҳояш дароз ва борик мебошад*)

телодвижени||е *с* ҳаракати бадан; **плавные ~я** ҳаракатҳои мавзуни бадан

телок *м* гусола, навбаст

телосложени||е *с* андом, қаду баст, ҷусса, пайкар, сохти бадани одам; **человек крепкого ~я** одами қавиҷусса; **человек слабого ~я** одами заифҷусса

телохранитель *м* муҳофиз; посдор

тёлочка *ж уменьш.-ласк. к* **тёлка**

телугу *м нескл.* телугу (1. *яке аз халқҳои Ҳиндустон* 2. *забони ин халқ*)

телу́шка *ж разг. см.* **тёлка**

те́льник *м* 1. *прост.* куртаи таг, куртаи аракчин 2. *уст.* салибчаи сарисинагӣ

те́льный, -ая, -ое *разг.* 1. *(нательный)* ...и таг, ...и аракчин 2. *см.* **теле́сный** 3

тельня́шка *ж разг.* тельняшка *(куртаи рах-рахи матросҳо)*

тельфер *м* ғарғара, тельфер *(сақфӣ)*

те́льц||е *с* 1. *(мн.* **те́льца**) *уменьш.-ласк. к* **те́ло** 2; **ху́денькое** ~**е ребёнка** бадани харобакаки кудак 2. *чаще мн.* **тельца** *биол.* зарра; **кровяные** ~**а** зарраҳои хун

теля́тина *ж* гушти гусола; **холодная** ~ гушти яхнии гусола

телятник *м* 1. оғил, гусолахона 2. гусолабон

телятница *женск. к* **теля́тник** 2

теля́ч||ий, -ья, -ье 1. ...и гусола; ~**ье мя́со** гушти гусола; ~**ья колбаса́** ҳасиби гушти гусола 2. гусолавор, гусоламонанд, гусоларафтор; ~**ье выраже́ние глаз** гусолачашм ✧ ~**ий ваго́н** *прост.* вагони гарми боркашӣ; ~**ий восто́рг** *шутл. ирон.* шодии бахудаю беҳуда; ~**ьи нежности** *ирон.* назокати барзиёд

тем I *союз* 1. *со сравн. ст.* чи қадар, ҳамон қадар; **мы давно́ не ви́делись,** ~ **прия́тнее встре́титься** мо кайҳо боз ҳамдигарро надидаем, ба ҳамин сабаб мулоқоти мо чи қадар гуворо аст 2. *в составе сложного союза* **«чем..., тем»** чи (ҳар) қадар..., ҳамон қадар; **он был** ~ **упо́рнее, чем сложне́е была́ рабо́та** чи қадаре ки кор мураккабтар шавад, ӯ ҳамон қадар боғайраттар мешуд ✧ ~ **бо́лее** *частица* хусусан, махсусан, алалхусус; ~ **бо́лее, что** *союз* хусусан, ки...; махсусан, ки...; ~ **лу́чше** боз беҳтар, боз хубтар; ~ **не ме́нее** ба ҳар ҳол, бо вуҷуди ин, бо ин ҳама; ~ **паче** *частица* хусусан, алалхусус

тем II 1. *тв. от* **тот, то** II; 2. *дат. мн. от* **тот, та, то** II

те́м||а *ж* мавзуъ; ~**а докла́да** мавзуи маъруза; **отклони́ться от** ~**ы** аз мавзуъ дур рафтан (шудан)

тематика *ж* мавзӯъҳо; **совреме́нная** ~ мавзуъҳои ҳозиразамон

темати́ческ||ий, -ая, -ое 1. ...и мавзуъ, мавзуи 2. махсус, мавзӯӣ, ба мавзуи... бахшида шуда; ~**ий конце́рт** консерти махсус; ~**ая вы́ставка** намоиши мавзуӣ

тембр *м* лаҳн, илҳон; **прия́тный** ~ **го́лоса** илҳони форам; **мя́гкий** ~ **инструме́нта** лаҳни нафиси асбоби мусиқӣ

те́мбров||ый, -ая, -ое ...и лаҳн; ~**ые разли́чия инструме́нтов** тафриқаи лаҳни асбобҳо

теменн||о́й, -ая, -о́е ...и фарқи сар, ...и торақи сар; ~**ая кость** устухони фарқи сар

те́мень *ж разг.* торикӣ, зулмот; **ночная** ~ торикии шаб, зулмоти шаб; **кака́я** ~! аҷаб зулмоте!

тёмечко *с уменьш. к* **те́мя**

тёми *тв. мн. от* **тот, та, то** II

темля́к *м* тасмаи пӯпакдори қабзаи шамшер; **са́бля с** ~**о́м** шамшери қабзааш тасмадор

темне́||ть *несов.* 1. тира(тар) шудан, торик(тар) шудан, сиёҳтоб шудан; **во́лосы** ~**ют** муй сиёҳтоб шуда истодааст; **кра́ски на карти́нах от вре́мени** ~**ют** ранги суратҳо бо мурури замон тира мешавад 2. *безл.* торик шудан, гавгум шудан; ~**ет. пора́ домо́й** торик шуда истодааст, вақти хонаравӣ шуд 3. *(видне́ться — о тёмном)* сиёҳӣ кардан, сиёҳча намудан, сиёҳча тофтан; **вдали́** ~**ют го́ры** аз дур тарҳи кӯҳҳо сиёҳча менамояд ✧ **в глаза́х** ~**ет** *у кого* чашм сиёҳ мезанад

темне́||ться *несов. разг. см.* **темне́ть** 3; **вдали́** ~**ется лес** аз дур беша сиёҳча метобад

темни́ть *несов. что* 1. торик кардан, тира кардан 2. *перен. разг.* забонхоп кардан

темни́ца *ж уст. и книжн.* зиндон, маҳбас

темни́чный, -ая, -ое *уст. и книжн.* зиндонӣ, маҳбасӣ, ...и зиндон, ...и маҳбас; ~ **запо́р** ғалақаи зиндон

темно́ 1. *нареч.* тира, торик 2. *в знач. сказ. безл.* торик аст; **на у́лице уже́** ~ берун торик шудааст 3. *в знач. сказ. безл. перен.* сиёҳ (ғамгин) аст; **на душе́ у него́** ~ дилаш сиёҳ шуд

темно= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сиёҳ»*: **темногла́зый** сиёҳчашм, чашмсиёҳ; **темноко́жий** сиёҳпуст

тёмно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб мансуб ба ки ранги баланд:* **тёмно-зелёный** сабзи сиёҳтоб; **тёмно-кра́сный** сурхи баланд, сурхи сиёҳтоб

темнобро́вый, -ая, -ое (темнобро́в, -а, -о) сиёҳабру, абрусиёҳ

темноволо́сый, -ая, -ое (темноволос, -а, -о) сиёҳмуй, муйсиёҳ

темногла́зый, -ая, -ое (темногла́з, -а, -о) сиёҳчашм, чашмсиёҳ

темноко́ж||ий, -ая, -ее сиёҳпуст; ~**ее населе́ние А́фрики** аҳолии сиёҳпусти Африка // *в знач. сущ.* **темноко́жий** *м*, **темноко́жая** *ж* сиёҳпуст

темноли́кий, -ая, -ое (темноли́к, -а, -о) *книжн.* ...и руяш гандумгун, ...и руяш гандумранг, сиёҳчеҳра

темноли́ственный, -ая, -ое тирабарг, сиёҳбарг

темноли́стый, -ая, -ое *книжн. см.* **темноли́ственный**

темноли́цый, -ая, -ее (темнолиц, -а, -е) ...и руяш гандумгун, ...и руяш гандумранг, сиёҳчеҳра

темноокра́шенн||ый, -ая, -ое сиёҳранг, сиёҳтоб; ~**ая листва́** баргҳои сиёҳранг (сиёҳтоб)

темнот||а́ *ж* 1. торикӣ, тирагӣ; ~**а́ но́чи** торикии шаб; **верну́ться домо́й до наступле́ния** ~**ы́** то торик шудани ҳаво ба хона баргаштан 2. *перен. разг.* ҷаҳолат, нодонӣ

тёмн||ый, -ая, -ое (тёмен, темна, темно́ *и* тёмно) 1. тира, торик; ~**ая ночь** шаби торик; ~**ая ко́мната** хонаи торик 2. *(о цвете)* сиёҳ, тира, сиёҳча, сиёҳтоб; ~**ые во́лосы** мӯи сиёҳ; ~**ое пла́тье** куртаи тираранг; ~**ые очки́** айнаки сиёҳ, сабзайнак 3. *перен.* мубҳам, норавшан, номафҳум; ~**ый смысл** маънои норавшан; ~**ые места́ в дре́вней ру́кописи** ҷойҳои номафҳуми матни дастнависи қадим 4. *перен.* тақдор, тира; ~**ое де́ло** кори тақдор; ~**ое про́шлое** гузаштаи тира 5. *перен.* пуркина, кинаомез, бадқасд, бадният, бадхоҳ; ~**ые си́лы** қувваҳои бадкина 6. *перен.* нодон; ҷоҳил(она); ~**ый челове́к** марди нодон 7. *перен.* торик, тира, сиёҳ, мудҳиш; ~**ые го́ды реа́кции** солҳои мудҳиши реакция; ~**ые мы́сли** фикрҳои торик 8. *в знач. сущ.* **тёмная** *ж уст.* ҳабсхонаи якканишин ✧ ~**ая вода́** рамад; ~**ый лес** *для кого* муаммо; ~**ое пятно́** доғи сиёҳ; **темны́м-темно́** тип-торик, бисёр торик; **с (от) темна́ до темна́** *прост.* аз субҳ то шом, аз пагоҳ то бегоҳ; **как (сло́вно) в** ~**ом лесу́** гуё дар банди муаммои сахт; **темна́ вода́ во о́блацех** *книжн.* муғмару маҷҳул; **устро́ить** ~**ую кому́-л.** *прост.* касеро хармурд кардан

темп *м в разн. знач.* суръат; **увертю́ра в бы́стром** ~**е** *муз.* сарахбори тезоҳанг; ~ **бе́га** *спорт.* суръати тохт; **футбо́льная игра́ в бы́стром** ~**е** *спорт.* футболбозии босуръат; ~ **се́ва** суръати киштукор; **рост** ~**ов произво́дства** суръати равнақи истеҳсолот **в** ~**е** бо суръат, тез

те́мпера *ж* темпера (1. *рангҳое, ки аз зардии тухм, равған, асал ё елим таҳия мешаванд* 2. *жив. сурати бо чунин рангҳо кашидашуда)*

темпера́мент *м* 1. мизоҷ, феълу хӯ, табъ; **флегмати́ческий** ~ хунсардӣ, балғаммизоҷӣ; **пы́лкий** ~ феъли тез 2. ғайрат, ҳиммат; **челове́к с** ~**ом** одами ғаюр (боғайрат), одами боҳиммат; **с** ~**ом де́лать что́-л.** ғаюрона (боҳимматона) коре кардан

темпераментность *ж* гарммизоҷӣ, зиндадилӣ, пурҷӯшухурӯшӣ; ~ **та́нца** шӯхии рақс

темпера́ментн||ый, -ая, -ое (темпера́мент|ен, -на, -но) гармизоҷ, боғайрат, зиндадил, пурҷӯшу хурӯш, хунгарм; ~**ый челове́к** одами боғайрат; ~**ая речь** нутқи пурҷӯшу хурӯш

температу́р||а *ж* 1. ҳарорат; ~**а во́здуха** ҳарорати ҳаво; ~**а кипе́ния** ҳарорати ҷӯшиш; **абсолю́тная** ~**а** *физ.* ҳарорати мутлақ; **крити́ческая** ~**а** *физ.* ҳарорати буҳронӣ 2. ҳарорат, таб; **повы́шенная** ~**а** таби баланд; **изме́рить больно́му** ~**у** ҳарорати беморро санҷидан 3. *разг.* таб, тафс, таф; **у ребёнка** ~**а** кудак таб дорад

температу́ри||ть *несов. разг.* ҳарорат (таб) доштан; **больно́й** ~**т** бемор таб дорад; **его́** ~**ло** *безл.* вай таб дошт

температу́рка *ж уменьш.-ласк. к* **температу́ра** 2

температу́рный, -ая, -ое ...и ҳарорат, ҳароратӣ ✧ ~ **шов** *тех.* пайванди рафъи ҳарорат

темпера́ция *ж муз.* темперация

(аниқ муайян намудани баландӣ ва миқдори савтҳои системаи мусиқии ин ё он давраи таърихӣ)

темперированный, -ая, -ое *муз.* темперация кардашуда, температсияшуда

тéмпов||ый, -ая, -ое ...и суръат; ~**ые осóбенности тáнца** хусусиятҳои суръати рақс; ~**ая игрá** бозии суръатнок

темь *ж разг. см.* **тьма** I

тём||я *с анат.* фарқи сар, тораки сар, тори сар; **кóсти** ~ени устухонҳои фарқи сар // *перен. уст. поэт.* қуллаи кӯҳ, теппа, нуг, нуги теппа

тенденциóзно *нареч.* ғаразона, бо ғараз, яктарафа

тенденциóзность *ж* 1. тамоюлнокӣ, тамоюлдорӣ; ~ **искýсства** тамоюлнокии санъат 2. ғаразнокӣ, боғаразӣ, яктарафагӣ; ~ **освещéния собы́тий** ғаразнокии баёноти воқеа, шарҳи ғаразноки воқеа

тенденциóзн||ый, -ая, -ое (тенденциóз|ен, -на, -но) 1. тамоюлдор, тамоюлнок, ғоядор; ~**ая литератýра** адабиёти тамоюлдор 2. ғаразнок, боғараз, яктарафа; ~**ое освещéние собы́тий** шарҳи ғаразноки воқеа

тендéнци||я *ж* 1. тамоюл, майл, мақсад, кӯшиш, саъю кӯшиш; **демократи́ческие** ~**и совéтской литератýры** мастамоюлоти демократии адабиёти советӣ 2. *(основная идея)* тенденция, фикр, ғоя 3. *(предвзятая идея)* фикри боғараз, ғараз, фикри яктарафа

тéндер *м* тендер (1. *вагони махсуси паровоз, ки захираи сузишворӣ, об, равған ва ғ. мегирад* 2. *киштии яксутунаи бодбонӣ)*

тéндерный, -ая, -ое ...и тендер, тендерӣ; ~ **тóрмоз** тормози тендерӣ

тенев||óй, -ая, -óе 1. сояру, соярав, сoядор, сояги, ...и сoягоҳ; ~**ая сторонá ýлицы** тарафи сояруи кӯча *(о растениях)* сояги, сoядӯст: ~**ые трáвы** гиёҳҳои сoягӣ 2. *иск.* ...и соя, ...и сояпартоӣ, ...и тасвири соя; ~**ые крáски** рангҳои сояпартоӣ (сoякашӣ) ◇ ~**óй кабинéт** ҳукумати имконӣ *(гурӯҳи оппозиционӣ дар баъзе мамлакатҳои буржуазӣ, ки баъди ғалабаи партияи онҳо аъзои ҳукумат шуданашон мумкин аст)*; ~**áя сторонá** *чего* тарафи манфӣ, тарафи чаппа

теневынóслив||ый, -ая, -ое (теневынослив, -а, -о) *бот.* сoядӯст, сояпараст; ~**ые мхи** ушнаҳои сoядӯст

тенелюби́в||ый, -ая, -ое (тенелюби́в, -а, -о) *бот.* сoядӯст, сояпараст; ~**ое растéние** растании сoядӯст

тенёта *тк. мн.* 1. тури шикор, дом; **попáсть в** ~ ба дом афтидан, ба тур афтодан 2. *прост. и обл. (паутина)* тори тортанак, тортанакхона

тенётник *м* 1. тортанак, анкабут 2. *обл.* тори тортанак

тензóметр *м* тензометр *(асбоби ченкунии деформация)*

тени́стость *ж* сoядорӣ, сoянокӣ, серсоягӣ

тени́ст||ый, -ая, -ое (тени́ст, -а, -о) сoядор, сoянок, соярав, серсоя; ~**ый** сад боғи серсоя; ~**ое дéрево** дарахти сoядор

тéннис *м* теннис; **настóльный** ~ тенниси рӯимизӣ, пинг-понг

теннисúст *м* теннисбоз

теннисúстка *женск. к* **теннисúст**

тéнниска *ж* тенниска *(куртаи кӯтоҳостин)*

тéннисный, -ая, -ое теннисӣ, ...и теннис, ...и теннисбозӣ; ~ **турни́р** мусобиқаи теннисбозӣ; ~ **мяч** тӯби теннис

тéнор *м* тенор (1. *баландтарин овози мардона* 2. *соҳиби чунин овоз* 3. *навъи созҳои нафасӣ)*

тенори́стый, -ая, -ое (тенори́ст, -а, -о) *разг.* 1. тенормонанд; ~ **гóлос** овози тенормонанд 2. тенорӣ, тенордор

теноро́вый, -ая, -ое ...и тенор, тенорӣ; ~ **гóлос** овози тенор

тент *м* чодир, соябон

тен||ь *ж* 1. *тк. ед.* соя, сoягоҳ, ҷои соя; **сидéть в** ~**и́** дар соя нишастан 2. *иск.* соя, тасвири соя *(дар сурат)* 3. сиёҳӣ, соя; ~**ь от дéрева** сояи дарахт 4. *(силуэт)* суроб 5. *перен.* зарра, асар, аломат; **у меня нет и** ~**и сомнéния в егó правотé** ман дар ҳақ будани ӯ заррае ҳам шубҳа надорам 6. *(призрак)* арвоҳ, шабаҳ *(дар хурофот)* ◇ [однá] ~**ь остáлась** *от кого* фақат суробаш мондааст, пусту устухонаш мондааст; ~**ь пáдает на** *кого-что-л.* касеро, чизеро нохақ мезананд; **брóсить** ~**ь** 1) **на чтó-л.** чизеро тира (хира, муғлақ) кардан 2) **на когó-чтó-л.** касеро, чизеро доғдор (бадном) кардан; касеро, чизеро нохақ задан; **навести́** ~**ь на плетéнь (на я́сный день)** *прост.* корро қасдан печ дар печ (чатоқ, чигил) кардан; **быть (сдéлаться)** ~**ью когó-л.** 1) аз ақиби касе кашола шуда гаштан; сояи касе будан 2) дар таъсири касе будан; **быть (держáться, стоя́ть) в** ~**и́** нонамоён будан (мондан, истодан); **ходи́ть (идти́, слéдовать) за кéм-л. как** ~**ь** соявор аз ақиби касе гаштан

тéнькать *несов. разг.* дарангос задан

теогóния *ж* теогония *(маҷмӯи асотир ва ривоятҳо дар бораи пайдоиши худоҳо)*

теодоли́т *м геод.* теодолит *(асбоби геодезии зовиясанҷ)*; **магни́тный** ~ теодолити магнитӣ

теократи́ческий, -ая, -ое теократӣ, ...и теократия; ~ **строй** сохти теократӣ

теокрáтия *ж* теократия *(як тарзи давлатдорӣ, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ дар дасти руҳониён мебошад)*

теóлог *м* теолог, олими илми илоҳиёт, фақеҳ

теологи́ческ||ий, -ая, -ое теологӣ, ...и теология; ~**ие труды́** асарҳои теологӣ

теолóгия *ж* теология, илми илоҳиёт, фиқҳ

теорéм||а *ж* теорема; **доказáть** ~**у** теоремаро исбот кардан

теоретизи́рование *с (по знач. гл.* **теоретизи́ровать**) бо масъалаҳои назариявӣ машғул шудан(и); назариябозӣ

теоретизи́ровать *несов.* бо масъалаҳои назариявӣ машғул шудан; назариябозӣ кардан

теорéтик *м* назариётчӣ

теорети́чески *нареч.* аз рӯи назария

теорети́ческ||ий, -ая, -ое 1. назариявӣ, назарӣ, ...и назария; ~**ие исслéдования** тадқиқоти назариявӣ; ~**ий вы́вод** хулосаи назариявӣ; ~**ая фи́зика** физикаи назариявӣ 2. тақрибӣ, тахминӣ; ~**ие расчёты** ҳисоби тақрибӣ; ~**ая производи́тельность маши́ны** ҳосилнокии тақрибии мошин

теорети́чность *ж* ғайриамалӣ будан(и), аз таҷрибаву ҳаёт дур будан(и)

теорети́чный, -ая, -ое (теорети́ч|ен, -на, -но) назариявӣ, аз таҷрибаву ҳаёт дур

теóрийка *ж унич. к* **теóрия** ба ном назария, назарияча

теóри||я *ж* 1. назария; **марксúстско-ленúнская** ~я назарияи марксистӣ-ленинӣ; ~**я познáния** *филос.* назарияи маърифат; **неразры́вность** ~**и и прáктики** ҷудонашавандагии назария ва амалия 2. назария; ~**я лесовóдства** назарияи ҷангалдорӣ; ~**я вероя́тностей** *мат.* назарияи эҳтимолият; ~**я мýзыки** назарияи мусиқӣ 3. *(взгляд)* ақида, мулоҳиза

теосóф *м* ваҳдонӣ, аҳли ваҳдония

теософи́ческий, -ая, -ое *см.* **теосóфский**

теосóфия *ж* ваҳдония *(таълимоти динӣ дар бораи имкони ваҳдати худо ва рӯҳи одам ва дарки олами ғайб)*

теосóфский, -ая, -ое ваҳдонӣ, ...и ваҳдония

тепéрешн||ий, -яя, -ее *разг.* ҳозира, кунунӣ; ~**яя жизнь** ҳаёти ҳозира

тепéрича *нареч. прост. см.* **тепéрь**

тепéрь *нареч.* 1. ҳозир, дар вақти ҳозира, акнун, ҳоло, алҳол; **э́то нáдо сдéлать** ~ **же** ин корро ҳуди ҳозир кардан лозим аст 2. *(далее)* баъд, сонӣ

тёпленьк||ий, -ая, -ое *уменьш.-ласк. к* **тёплый** 1; ◇ ~**ое местéчко (мéсто)** ҷои равғанин

теплé||ть *несов.* 1. гарм(тар) шудан; **вóздух** ~**ет** ҳаво гармтар шуда истодааст; **на ýлице** ~**ет** *безл.* берун гарм шуда истодааст 2. *перен.* гарм шудан, ором шудан, роҳат дидан

тéплить *несов. что уст.* даргиронда мондан, афрӯхтан, гирондан; ~ **свечý** шамъ гирондан // об кардан; ~ **воск** мум об кардан

тепли́ть *несов. кого-что* гарм(тар) кардан

тéпли||ться *сов.* 1. саҳл-саҳл сӯхтан, милт-милт даргирифта истодан; **в пéчке едвá** ~**лся огóнь** олав дар печка саҳл-саҳл месӯхт // *(слабо светиться)* хира тофтан 2. *перен.* андак будан, андак мавҷуд будан; **в нём ещё** ~**тся надéжда** дар дили вай ҳануз шарораи умед ҳаст

тепли́ц||а *ж* гармхона; **вырáщивать óвощи в** ~**е** дар гармхона сабзавот парваридан

тепли́чн||ый, -ая, -ое 1. ...и гармхона, гармхонаги; **~ые ра́мы** чорчубаҳои (ромҳои) гармхона; **~ая температу́ра** ҳарорати гармхона; **~ое хозя́йство** хоҷагии гармхона; **~ые о́вощи** сабзавоти гармхона 2. *перен.* нозук, нозукбадан, нозпарварда, латифандом, нозукнихол; **~ое созда́ние** одами нозпарварда (нозукниҳол) ◇ **~ое расте́ние**, **~ый цвето́к** одами нозукниҳол

тепл||о́ I *с* 1. *физ.* гармӣ, ҳарорат 2. гармо, ҳавои гарм; **держа́ть но́ги в ~е́** пойҳоро гарм нигоҳ доштан; **пове́яло ~о́м** насими гарм вазид; **сего́дня два́дцать гра́дусов ~а́** имрӯз ҳаво бист дараҷа гарм аст ҷои гарм; **сиде́ть в ~е́** дар ҷои гарм нишастан 3. *перен.* гармӣ, меҳрубонӣ, навозишкорӣ

тепло́ II 1. *нареч.* гарм; **оде́ться ~** чизи гарм пушидан 2. *нареч.* гарму ҷушон, меҳрубонона, хуб, самимона; **~ отозва́ться о ко́м-л.** ба касе баҳои хуб додан; **~ встре́тить** меҳрубонона пешвоз гирифтан 3. *в знач. сказ. безл.* ҳаво гарм аст; **на дворе́ уже́ ~** дар берун ҳаво гарм аст; **сего́дня ~** имрӯз ҳаво гарм аст 4. *в знач. сказ. безл.* *кому* гарм (ором) аст ⩒ **ни ~ ни хо́лодно** *кому* фарқе надорад; **мне от э́того ни ~ ни хо́лодно** барои ман ин фарқе надорад

тепло= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «гармӣ», «гармидиҳанда»:* **теплосе́ть** шабакаи гармӣ; **теплонепроница́емый** гарминогузар

теплово́з *м* тепловоз (*локомотиви муҳаррикаш дарунсӯз*)

теплово́зный, -ая, -ое ...и тепловоз, тепловозӣ; **~ дви́гатель** муҳаррики тепловоз

тепловозострое́ние *с* тепловозсозӣ, саноати тепловозсозӣ

теплов||о́й, -а́я, -о́е ...и гармӣ, ...и ҳарорат, ҳароратӣ; **~а́я эне́ргия** энергияи гармӣ; **~о́й дви́гатель** муҳаррики ҳароратӣ ⩒ **~а́я сеть** шабакаи гармкунӣ; **~о́й уда́р** зарбати гармо (*касалие, ки аз асари гармо пайдо мешавад*)

теплоё́мк||ий, -ая, -ое (теплоё́м|ок, -ка, -ко) 1. *физ.* гармигунҷо 2. гармиталаб, ҳароратталаб, гармидуст, ҳароратдуст; **~ие произво́дства** истеҳсолоти ҳароратталаб

теплоё́мкость *ж физ.* гармигунҷоӣ

теплозащи́та *ж см.* **теплоизоля́ция**

теплозащи́тный, -ая, -ое гарминогузар

теплоизоляцио́нн||ый, -ая, -ое ...и гарминигоҳдорӣ, гарминогузар; **~ые материа́лы** масолеҳи гарминогузар

теплоизоля́ция *ж* гарминигоҳдорӣ, гарминогузарӣ

теплокро́вные *мн. зоол.* гармхунҳо, ҳайвоноти гармхун

теплолече́ние *с* муолиҷа бо гармӣ

теплолюби́вый, -ая, -ое (теплолюби́в, -а, -о) *бот.*, *зоол.* гармидуст, гармипараст

тепломе́р *м* гармиченкунак

теплонепроница́емый, -ая, -ое гарминогузар

теплоноси́тель *м* гармибар

теплообме́н *м* мубодилаи гармӣ; **~ в атмосфе́ре** мубодилаи гармӣ дар атмосфера

теплоотда́ч||а *ж тех.*, *физиол.* гармидиҳӣ; **коэффицие́нт ~и** коэффициенти гармидиҳӣ

теплопереда́ча *ж* таҳвили гармӣ

теплопрово́д *м* теплопровод

теплопрово́дност||ь *ж физ.* гармигузаронандагӣ; **коэффицие́нт ~и** коэффициенти гармигузаронандагӣ

теплопрово́дн||ый, -ая, -ое (теплопровод|ен, -на, -но) *физ.* гармигузарон; **~ые тела́** ҷисмҳои гармигузарон

теплосе́ть *ж* шабакаи гармкунӣ (гармӣ)

теплосилов||о́й, -а́я, -о́е ...и қувваи гармӣ, гармиро бадалкунанда, гармибадал; **~а́я устано́вка** дастгоҳи гармиро бадалкунанда; **~о́й цех** цехи гармибадал

теплоснабже́ние *с* таъмини гармӣ

теплосто́йк||ий, -ая, -ое (теплосто́|ек, -йка, -йко) гармибардор, гармитобовар, ба гармӣ токатовар, ҳароратбардор; **~ая сталь** пулоди гармитобовар

теплосто́йкость *ж* гармибардорӣ, гармитобоварӣ; **~ спла́вов** гармитобоварии хулаҳо

теплот||а́ *ж* 1. *физ.* гармӣ, ҳарорат; **едини́ца измере́ния ~ы** воҳиди гармӣ // (*температура*) ҳарорат; **~а́ пла́вления** ҳарорати гудозиш; **~а́ во́здуха** ҳарорати ҳаво 2. *перен.* меҳрубонӣ, шафқат, самимият; **душе́вная ~а** меҳрубонӣ, самимият

теплотво́рность *ж физ.* гармидиҳӣ, ҳароратдиҳӣ, гармидиҳандагӣ; **~ у́гля** қобилияти гармидиҳии ангишт

теплотво́рн||ый, -ая, -ое гармидиҳанда, қобили гармидиҳӣ; **~ая спосо́бность то́плива** *физ.* қобилияти гармидиҳандагии сузишворӣ

теплоте́хник *м* теплотехник, мутахассиси теплотехника

теплоте́хника *ж* техникаи ҳарорат (*як соҳаи техника; назария ва амалияи истихроҷ ва истифодаи ҳарорат дар саноат, хоҷагии қишлоқ ва рӯзғор*)

теплотра́сса *ж* қубури ҳарорат, ғулбаи гармигузарон

теплоусто́йчивость *ж см.* **теплосто́йкость**

теплоусто́йчив||ый, -ая, -ое (теплоусто́йчив, -а, -о) ба гармӣ тоқатовар, ҳароратбардор, гармитобовар; **~ые спла́вы** хулаҳои ҳароратбардор

теплофикацио́нн||ый, -ая, -ое ...и таъминоти гармӣ; **~ая ста́нция** станцияи таъминоти гармӣ

теплофика́ция *ж* бо гармӣ таъминкунӣ; **~ жилы́х домо́в** бо гармӣ таъминкунии истиқоматгоҳҳо

теплофици́ровать *сов.*, *несов. что* бо гармӣ таъмин кардан; **~ произво́дство** истеҳсолотро бо гармӣ таъмин кардан

теплофици́роваться *несов. страд.* бо гармӣ таъмин карда шудан

теплохо́д *м* теплоход

теплохо́дный, -ая, -ое ...и теплоход, теплоходӣ

теплоцентра́л||ь *ж* теплоцентраль, маркази истеҳсоли гармӣ; **присоедини́ть дома́ к ~и** хонаҳоро ба маркази электрикии истеҳсоли гармӣ пайвастан

теплоэлектроцентра́ль (ТЭЦ) *ж* теплоэлектроцентраль, маркази электрикии истеҳсоли гармӣ электрик

теплоэнерге́тика *ж* энергетикаи ҳарорат (*назария, амалия ва истифодаи қувваи гармӣ*)

теплоэне́ргия *ж* энергияи гармӣ

теплу́шка *ж разг.* 1. вагони печкадор 2. гармхона, хонаи гармшавӣ

тё́пл||ый, -ая, -ое (тё́пел, тепла́, тепло́) 1. гарм; **~ый чай** чои гарм; **~ые дни** рӯзҳои гарм // *тк. полн. ф.* (*о местности, климате*) гарм; **~ые стра́ны** мамлакатҳои гарм // (*об одежде, помещении*) гарм, гармакак; **~ое пальто́** пальтои гарм; **~ое одея́ло** курпаи гарм; **~ая кварти́ра** хонаи гарм 2. *перен.* меҳрубон(она), самимӣ, самим(она); **~ая встре́ча** пешвози меҳрубонона; **~ое письмо́** мактуби самимӣ 3. *перен.* (*о цвете, звуке*) форам, дилнишин, хуш ◇ **~ые во́ды** *уст.* обҳои гарм, чашмаҳои гарм, обҳои табобатӣ; **~ая компа́ния** 1) *шутл.* ошноҳои нағз 2) *ирон. неодобр.* дастаи руздон, дастаи авбошон; **сказа́ть па́ру ~ых слов** *прост.* ду даҳан гапи обдор гуфтан

теплы́нь *ж разг.* ҳавои гарм; **на дворе́ стои́т ~** ҳавои берун гарм аст

тепля́к *м* 1. хонаи гарм (*бинои муваққатии гарм дар сохтмон дар вақти зимистон*) 2. гӯсолахонаи (оғилхонаи) гарм

терапе́вт *м* терапевт (*духтури касалиҳои дарунӣ*)

терапевти́ческ||ий, -ая, -ое терапевтӣ, ...и терапевт, ...и терапия; **~ое отделе́ние больни́цы** шӯъбаи терапевтии касалхона

терапи́я *ж* терапия (1. *муолиҷаи касалиҳои дарунӣ бе усулҳои ҷарроҳӣ* 2. *як соҳаи тиб, ки касалиҳои дарунӣро муолиҷа мекунад*)

=терапи́я *ж қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки ба усули дар қисми якуми калима нишондодашудан муолиҷа далолат менамоянд:* **рентгенотерапи́я** муолиҷа бо шуоҳои рентген

тератологи́ческий, -ая, -ое тератологӣ, ...и тератология

тератоло́гия *ж* тератология (*як соҳаи тиб, зоология ва ботаника, ки нуқсонҳои инкишофи организмро меомӯзад*)

тереби́льн||ый, -ая, -ое зағирканак; **~ая маши́на** мошини зағирканак

тереби́льщик *м* зағирканада

тереби́льщица *женск. к* **тереби́льщик**

тереби́ть *несов.* 1. *кого-что* панҷа кашидан, даст расондан, афшондан; **~ во́лосы** ба мӯйсар панҷа кашидан; **~ за плечо́ кого́-л.** ба кифти касе даст

расондан 2. *кого-что перен.* шилкинӣ кардан, чақидан, безор кардан; ~ **вопросами** савол дода безор кардан 3. *что с.-х.* кашида гирифтан, кандан; ~ **лён** зағирпояро кандан

теребление *с (по знач. гл.* **теребить** 3) кандан(и); ~ **льна** зағирпояканӣ, кандани зағирпоя

терем *м* болохона

теремок *м уменьш.-ласк. к* **терем**

тереть *несов. что* 1. молидан; ~ **глаза** чашмро молидан 2. тарошидан, судан, соидан, реза кардан; ~ **морковь на тёрке** сабзиро бо турбтарошак тарошидан; ~ **краски** ранг соидан 3. *тж. без доп.* задан; **сапог трёт ногу** муза пойро мезанад

тереться *несов.* 1. *разг.* худро молидан 2. молиш хурдан, соида шудан; **жернова трутся один о другой** сангҳои осиё ба ҳамдигар молиш мехуранд 3. *перен. разг.* гаштан, будан 4. *страд.* молида шудан

терзани||**е** *с* 1. *(по знач. гл.* **терзать** 1) пора-поракунӣ, дарронидан(и), кафонидан(и); 2. *чаще мн.* **терзания** *перен.* азоб, азият, шиканҷа; **испытывать** ~**я** азоб кашидан, азият дидан

терзать *несов. кого-что* 1. пора-пора кардан, даррондан, кафондан; ~ **добычу** сайдро пора-пора кардан 2. *перен.* азоб (азият) додан, реш (афгор) кардан

терзаться *несов.* 1. азоб (азият) кашидан; ~ **угрызениями совести** азоби (ранҷи) виҷдон кашидан 2. *страд.* дарронда шудан

тёрк||**а** *ж* 1. турбтарошак; **тереть морковь на** ~**е** сабзиро бо турбтарошак тарошидан 2. *стр.* андова 3. *с.-х.* мошини тухмиҷудокунӣ, мошини тухмиҷудокунак, мошини тухмигирак 4. *биол.* часпак *(узви ҳозимаи моллюскҳо)*

термальн||**ый**, -ая, -ое: ~**ые воды (источники)** чашмаҳои гарм, обҳои гарми зеризаминӣ

термин *м* истилоҳ, термин; **технический** ~ истилоҳи техникӣ; **ботанические** ~**ы** истилоҳоти наботот

терминологический, -ая, -ое ...и истилоҳот, истилоҳи; ~ **словарь** луғати истилоҳот

терминология *ж* истилоҳот; **научная** ~ истилоҳоти илмӣ

термист *м* мутахассиси коркарди ҳарорати металлҳо

термит I *м зоол.* мирук, арзамурак

термит II *м тех.* термит *(омехтаи алюминий бо оксиди оҳан, ки аз сузондани он ҳарорати баланд ҳосил мешавад)*

термитн||**ый**, -ая, -ое термитӣ, ...и термит; ~**ая сварка** кафшери термитӣ; ~**ая смесь** *см.* **термит** II

термическ||**ий**, -ая, -ое *физ., тех.* ҳароратӣ; ~**ое действие тока** таъсири ҳароратии ҷараёни электрик; ~**ая обработка металлов** коркарди ҳарорати металлҳо

термо: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои «гармӣ», «ҳарорат», «термо»:* **термостойкий** ҳароратбардор, гармитобовар; **термобур** гармпарма; **термопара** термопара

термограф *м* термограф *(асбоб барои ба таври автоматӣ қайд кардани тағйироти ҳарорат)*

термодинамика *ж физ.* термодинамика *(фасли физика буда, хосиятҳои умдаи мувозинати ҳароратии системаҳо, процесси мубодилаи байни ин системаҳо ва ба намудҳои дигар табдил ёфтани энергияи ҳароратро тадқиқ менамояд)*

термодинамическ||**ий**, -ая, -ое *физ.* термодинамикӣ, ...и термодинамика; ~**ая величина** бузургии термодинамикӣ

термоизоляционн||**ый**, -ая, -ое термоизолятсионӣ, ...и термоизоляция; ~**ые материалы** масолеҳи термоизолятсионӣ

термоизоляция *ж см.* **теплоизоляция**

термометр *м* ҳароратсанҷ; **ртутный** ~ ҳароратсанҷи симобӣ

термометрический, -ая, -ое *физ.* ...и ҳароратсанҷ

термометрия *ж физ.* ҳароратсанҷӣ

термопара *ж эл.* термопара *(ду ноқили нугҳояшон пайваста, ки аз таъсири ҳарорат дар яке аз онҳо ҷараёни электрики ҳосил мешавад)*

термопсис *м бот.* мастак

терморегулирование *с* танзими гармӣ

терморегулятор *м* термотанзимгар; **утюг с** ~**ом** дарзмоли термотанзимадор

терморегуляция *ж физиол.* танзими ҳарорат

термос *м* термос

термостат *м* термостат *(асбобест, ки дар он ҳарорати доимӣ нигоҳ дошта мешавад)*

термостатическ||**ий**, -ая, -ое термостатӣ, ...и термостат; ~**ая камера** камераи термостатӣ

термотерапия *ж см.* **теплолечение**

термофилы *мн.* (*ед.* **термофил** *м*) *зоол., бот.* ҳароратпарварҳо; **рыбы**-~ моҳиҳои ҳароратпарвар; **водоросли**-~ обсабзҳои ҳароратпарвар

термофобы *мн.* (*ед.* **термофоб** *м*) *зоол., бот.* ҳароратгурезҳо; **грибы**-~ занбуруғҳои ҳароратгурез

термохимическ||**ий**, -ая, -ое *хим.* термохимиявӣ, термохимикӣ, ...и термохимия; ~**ие явления** ҳодисаҳои термохимикӣ

термохимия *ж хим.* термохимия *(қисми химияи физикӣ, ки хосияти ҳароратии процессҳои химиявиро месанҷад)*

термоэлектрический, -ая, -ое *физ., тех.* термоэлектрикӣ; ~ **ток** ҷараёни термоэлектрикӣ; ~ **термометр** термометри термоэлектрикӣ

термоэлектричество *с физ., тех.* термоэлектрик *(процесси бевосита ба ҷараёни электрики мубаддал шудани энергияи гармӣ)*

термоэлемент *м см.* **термопара**

термоядерн||**ый**, -ая, -ое термоядроӣ, ...и термоядро; ~**ый взрыв** таркиши термоядроӣ; ~**ая катастрофа** офати термоядроӣ; ~**ый конфликт** мусодамаи термоядроӣ; ~**ое оружие** яроқи термоядроӣ; ~**ая реакция** реакцияи термоядроӣ; **управляемый** ~**ый синтез** синтези идорашавандаи термоядроӣ; ~**ая установка** дастгоҳи термоядроӣ; ~**ая энергетика** энергетикаи термоядроӣ

термы *тк. мн.* 1. *ист.* термы *(ҳаммомҳои умумӣ дар Рими Қадим)* 2. *геол. см.* **термальный (термальные воды)**

тёрн *м бот. (дерево и плод)* олучабандак; **заросли из** ~**а** олучабандакзор; **варенье из** ~**а** мураббои олучабандакӣ

терние *с* 1. *уст.* авсач 2. *чаще мн.* **тернии** *перен. книжн.* мусибат, фалокат, машаққат

тернистость *ж книжн.* мусибатнокӣ, тираруӣ, пуразобӣ, бадбахтӣ; ~ **пути** пуразобии роҳ

тернистый, -ая, -ое (тернист, -а, -о) 1. *уст.* хордор, хорнок, серхор; ~ **куст** буттаи хордор 2. *перен. книжн.* пурмашаққат, пуразоб, бадбахт(она); ~ **путь** роҳи пурмашаққат

терновник *м* олучабандакзор

тернов||**ый**, -ая, -ое ...и олучабандак, олучабандакӣ; ~**ый куст** олучабандак; ~**ое варенье** мураббои олучабандакӣ

тернослив *м*, **терносливa** *ж бот.* дарахти олуи пайвандӣ, ғайдолу

тёрочный, -ая, -ое резагарӣ; ~ **аппарат** дастгоҳи резагарӣ

терпёж *м прост. см.* **терпение**

терпеливо *нареч.* босаброна, тоқатоварона; ~ **ждать** босаброна нигарон шудан; ~ **объяснять** босаброна фаҳмонидан

терпеливость *ж* собирӣ, сабрнокӣ, пуртоқатӣ, тобоварӣ

терпелив||**ый**, -ая, -ое (терпелив, -а, -о) 1. собир, босабр, ботаҳаммул, пуртоқат, пурбардошт; ~**ый слушатель** шунавандаи босабр; ~**ый больной** бемори пуртоқат 2. *тк. полн. ф.* суботкор(она), собиткадам, матин, боисрор, исроркор; ~**ая учёба** хониши суботкорона

терпени||**е** *с* 1. сабр, тобу тоқат, таҳаммул, бардошт; **вооружиться** ~**ем** сабру тоқат пеша кардан, сабр пеша кардан; **потерять** ~**е** бетоқат шудан; **вывести кого-л. из** ~**я** тоқати касеро тоқ кардан; **моё** ~**е лопнуло** тоқатам тоқ шуд 2. *(упорство)* сабр, бардошт, субот, суботкорӣ; **в этой работе нужно большое** ~**е** ин кор суботи комилро талаб мекунад ◇ **переполнить чашу** ~**я** косаи сабр лабрез кардан; **чаша** ~**я переполнилась** косаи сабр лабрез шуд

терпентин *м* самғ

терпентинн||**ый**, -ая, -ое ...и самғ; ~**ое масло** равғани самғ, скипидар

терпеть *несов.* 1. *что и без доп.* сабр (тоқат) кардан, тоб овардан; ~ **боль** ба дард тоб овардан 2. *кого-что* тоқат кардан, таҳаммул кардан, тоб овардан, бардошт кардан; **он не терпит возражений** вай ба эътироз тоқат надорад 3. *что* дидан, кашидан, ги-

рифтор (дучор) шудан, мубтало гардидан; ~ **неудачу** ба нокомӣ дучор шудан; ~ **нужду** мухтоҷӣ кашидан; ~ **убытки** зарар дидан (кашидан); ~ **поражение** шикаст хурдан ◇ **бумага всё терпит** *посл.* ҳама чизро навиштан мумкин; **время (дело) терпит** ҳоло вақт ҳаст; **время (дело) не терпит** вақт нест; **как [только] тебя земля терпит!** замин туро чӣ хел бардошта гаштааст!; ~ **не могу** (**не может** *и т. д.*) *кого-что, чего или с неопр.* бад мебинам (бад мебинад *ва ғ.*); **я его ~ не могу** ман вайро бад мебинам, ман вайро тоқати дидан надорам

терпеться *несов.* 1. *(допускаться)* иҷозат (рухсат, роҳ) дода шудан, ҷоиз будан 2. *безл. кому-чему и без доп. чаще с отриц.* тоқат кардан (доштан), тоб овардан; **мне не терпится** ман тоқат надорам 3. *страд.* тоб оварда шудан

терпимо *нареч.* тоқатпазирона, бо таҳаммул; ~ **относиться к кому-л.** бо таҳаммул муомила кардан ба касе

терпимост||ь *ж* босабрӣ, тобоварӣ, пуртоқатӣ, таҳаммул; **проявлять ~ь** тобоварӣ кардан ◇ **дом ~и** *уст.* фоҳишахона

терпим||ый, -ая, -ое 1. *прич.* сабр кардашаванда, таҳаммул кардашаванда 2. *прил.* тоқатпазир, ҷоиз, раво, мӯътадил; **~ые условия** шароити мӯътадил 3. *прил.* нармдил(она), саҳлгир(она); ботаҳаммул; **~ое отношение** муносибати нармдилона

тёрпк||ий, -ая, -ое (тёрп|ок, -ка, -ко) 1. данд; **~ое вино** маи данд; **~ое яблоко** себи данд 2. тунд; **~ий запах** бӯи тунд

тёрпко 1. *нареч.* данд, тунд 2. *в знач. сказ. безл.* данд шуд; **от кислого яблока во рту стало ~** аз себи турш даҳонам данд шуд

тёрпкость *ж* данд, дандмаза будан(и); ~ **сливы** дандмаза будани олу

тёрпну||ть *несов. разг.* карахт шудан, беҳис шудан; **руки ~т** дастҳо карахт мешаванд

терпуг I *м (напильник)* сӯҳон; чӯбсо

терпуг II *м зоол.* сипармоҳӣ

терразит *м стр.* терразит *(омехтаи оҳаку цемент барои андоваю пардози бино)*

терракот||а *ж* 1. терракота, сафол; **статуэтка из ~ы** ҳайкалчаи сафолӣ 2. *собир.* маснуоти сафолӣ

терракотов||ый, -ая, -ое 1. терракотӣ, ...и терракота, сафолӣ; **~ые изделия** маснуоти сафолӣ 2. *(о цвете)* хиштранг; **~ое пальто** пальтои хиштранг

террарий, террариум *м* террарий, террариум *(бино барои ҳифзи хазандаҳо)*

терраса *ж* 1. суфача, зина; **расположенный ~ми** суфадор 2. пешайвон, айвон

террасирование *с (по знач. гл.* **террасировать** *)* суфа-суфакунӣ, зина-зинакунӣ; ~ **склонов** зина-зинакунии нишебиҳо

террасировать *сов., несов. что с.-х.* суфа-суфа кардан, зина-зина кардан; ~ **склоны гор** нишебиҳои кӯҳро зина-зина кардан

террасировка *ж см.* **террасирование**

террасн||ый, -ая, -ое суфачадор, зина-зина, зина ба зина; **~ое расположение озёр** зина ба зина ҷойгиршавии кӯлҳо

террикон *м горн.* террикон *(теппаи сангу хоки нодаркори кон)*

территориальн||ый, -ая, -ое территориявӣ, ...и территория; **~ые границы** ҳудудҳои территориявӣ; **~ая неприкосновенность страны** дахлнопазирии территориявии давлат; **~ые воды** баҳрҳои территориявӣ *(қисми баҳри ба канори мамлакат пайваст ва мутааллиқи он)*

территория *ж* территория, сарзамин, хок; ~ **государства** хоки давлат; ~ **завода** территорияи завод

террор *м* террор; **фашистский ~** террори фашистӣ

терроризирование *с (по знач. гл.* **терроризировать)** терроркунӣ, даҳшатандозӣ

терроризировать *сов., несов. кого-что* 1. террор кардан, даҳшат андохтан, бо террор маҳв кардан 2. *разг.* тарсонда мондан, тарсонидан

терроризироваться *несов. страд.* террор карда шудан

терроризм *м* терроризм; **международный ~** терроризми байналхалқӣ

террорист *м* террорист, террорчӣ

террористический, -ая, -ое террорӣ, ...и террор, террористӣ; ~ **акт** кирдори террористӣ

террористка *женск. к* **террорист**

террористск||ий, -ая, -ое ...и террорчӣ, террористӣ; **~ая группа** гурӯҳи террорчиён

тёрт||ый, -ая, -ое 1. *прич.* реза шуда; судашуда 2. *прил.* суда, реза; **~ая морковь** сабзии реза; **~ые краски** рангҳи суда 3. *прил. перен. разг.* пурдида; **он человек ~ый** вай одами пурдида аст ◇ **~ый калач** гурги борондида

терцет *м* 1. *муз.* терцет *(ансамбли секаса ва асари мусиқӣ барои се овоз)* 2. *лит.* мусаллас

терция *ж* терция (1. *муз. дараҷаи сеюми гаммаи диатоники ва фосилаи овозҳои пардаҳои гуногун* 2. *полигр. як навъ ҳарфи матбаа, ки андозааш 16 пункт аст)*

терьер *м* терьер *(номи чандин зоти сагҳо)*

терять *несов.* 1. *что* гум кардан, аз даст додан; ~ **деньги** пул гум кардан; ~ **ключи** калидро гум кардан; ~ **дорогу** роҳро гум кардан, аз роҳ баромадан 2. *кого-что* аз даст додан, маҳрум шудан; ~ **друзей** ёру дӯстҳоро аз даст додан; ~ **зрение** нобино шудан; ~ **терпение** бетоқат шудан 3. *что, в чем* кам шудан, камӣ кардан; ~ **вес**, ~ **в весе** хароб шудан, сабук шудан 4. *что и без доп.* *(терпеть ущерб)* зарар кашидан (дидан) 5. *что* сарф кардан, зоеъ кардан; ~ **время** вақтро зоеъ кардан ◇ ~ **власть над собой** худдорӣ карда натавонистан, худро гум кардан, инони ихтиёр аз даст додан; ~ **голову** саргаранг шудан, ақл гум кардан; ~ **почву под ногами** эътимод аз даст додан, мавқеъ гум кардан; ~ **силу** эътибори худро гум кардан; **этот документ теряет силу за давностью** ин ҳуҷҷат бинобар кӯҳна шуданаш эътибори худро гум мекунад; ~ **сознание** аз ҳуш рафтан; ~ **счёт** *кому-чему* ҳисобро гум кардан; ~ **в чьём-л. мнении (в чьих-л. глазах)** обрӯи худро резондан; ~ **из виду (из вида)** 1) **кого-что**, аз назар гум кардан 2) **кого-л.** аз касе хабар (дарак) надоштан

теря||ться *несов.* 1. гум шудан, аз даст рафтан; аз назар ғоиб (пинҳон) шудан; **~ться в толпе** дар байни мардум гум шудан 2. гум (суст, паст) шудан; **к старости ~ется память** дар овони пирӣ қувваи ҳофиза суст мешавад 3. худро гум кардан; худдорӣ карда натавонистан; **не ~ться в беде** дар мусибат худро гум накардан 4. *страд.* гум карда шудан ◇ **~ться в догадках (в предположениях)** дар зери агару магар мондан

тёс *м собир.* тахта; **крыть избу ~ом** боми хонаро тахтабандӣ кардан

тесак *м* 1. *(оружие)* шамшери дудама, зулфиқор 2. *(топор)* табари дуредгарӣ

тесание *с см.* **тёска**

тёсанный *прич.* (тёсан, -а, -о) тарошидашуда

тёсан||ый, -ая, -ое тарошида, тарошхурда; **~ые доски** тахтаҳои тарошида

тесать *несов. что и без доп.* тарошидан; ~ **брёвна** болор тарошидан; ~ **камни** санг тарошидан ◇ **хоть кол на голове теши кому-л.** *прост.* дар сараш санги осиё гардонӣ ҳам аз роҳаш намегардад

тесаться *несов. страд.* тарошида шудан

тесёмк||а *ж* 1. *разг. см.* **тесьма**; 2. камарча, бандак; **завязать ~и халата** камарчаҳои ҷомаро бастан

тесёмочн||ый, -ая, -ое ...и шероза; ...и шерозабофӣ; **~ое производство** корхонаи шерозабофӣ

тесёмчат||ый, -ая, -ое шерозадор, зеҳдор, тасмагӣ; **~ые украшения на рубашке** шерозадузии куртa

тесина *ж* тахтаи тарошида, тахтаи чортарош

тёска *ж (по знач. гл.* **тесать)** тарошидан(и); ~ **брёвен** болортарошӣ; ~ **гранита** тарошидани санги хоро

тесло *с* теша

теснина *ж* тангно, тангной

теснить *несов.* 1. *кого-что* танг кардан, фишор додан 2. *кого-что* қафо (ақиб) нишондан; ~ **противника** душманро қафо нишондан // *перен. (лишать выгодных позиций)* баровардан, маҳрум кардан 3. *что и без доп. (о тесной одежде, обуви)* фишурдан, сиққон-

дан 4. *что и без доп. перен.* азоб додан, пахш (дард) кардан, бухс кардан; у **меня теснит в груди** *безл.* дилам бухс мекунад

тесниться *несов.* 1. ба якдигар зич (ҷафс) шуда истодан, тиққа шудан; ~ **у входа** дар таки дар тиққа шудан // *(ютиться)* ҷойгир шудан 2. *перен. (о чувствах, мыслях)* лабрез шудан, фаро гирифтан 3. *(двигаться в тесноте)* тела-тела карда рафтан, тиққа-тиққа карда рафтан // *(сдвигаться)* ҷафс (зич) шудан 4. *страд.* танг карда шудан, фишор дода шудан

тесно 1. *нареч.* зич, ҷафс, наздик; **эти вопросы ~ связаны друг с другом** ин масъалаҳо бо якдигар зич вобастаанд; ~ **прижаться** ҷафс (зич) шудан 2. *в знач. сказ. безл.* танг аст; **в вагоне было ~** даруни вагон танг буд // *кому* танг аст; **вам не ~?** ҷоятон танг не-мӣ? 3. *в знач. сказ. безл. кому* танг аст; **пальто ~ в плечах** кифтҳои пальто танг аст

теснот||а *ж* тангӣ, норасоии ҷой; **в ~е, да не в обиде** *погов.* ≈ хонаам коза бошад, дилам тоза бошад

тесн||ый, -ая, -ое (тесен, -на, -но) 1. танг; **~ая квартира** хонаи танг, манзили танг // *перен.* наздик, қариб, қарин; **~ый круг друзей** доираи дӯстони наздик 2. зич, ҷафс, тиққаву танба; **~ые ряды демонстрантов** қаторҳои зичи намоишчиён 3. *перен.* наздик, самимӣ; **~ая дружба** дустии наздик; **~ая связь** алоқаи наздик 3. танг; **~ое платье** куртаи танг; **~ая обувь** пойафзоли танг ◇ **мир тесен** кух ба кух намерасад, одам ба одам мерасад

тесов||ый, -ая, -ое тахтагин; **~ая крыша** боми тахтагин; **~ые ворота** дарвозаи тахтагин

тест *м* санҷиш, имтиҳон

тест||о *с* 1. хамир; **пресное ~о** хамири бехамиртуруш; **сдобное ~о** хамири равғанин; **месить ~о** хамир ошурдан, хамир кардан 2. хамира; **известковое ~о** хамираи оҳак; **бетонное ~о** хамираи бетон ◇ **из одного [и того же] ~а** як себи дукафон; **из другого (из разного) ~а** замину осмон барин, аз ҳамдигар бисьёр фарқ мекунанд

тестообразный, -ая, -ое хамирмонанд, хамир барин

тесть *м* падарарус, хусур

тесьма *ж* шероза, тасмача, зех

тет-а-тет *нареч.* якка ба якка, ру ба ру, мушофаҳа

тётенька *ж разг.* 1. *ласк. к* **тётка** 1. *(по матери)* холаҷон; *(по отцу)* аммаҷон; 2. *см.* **тётка** 2

тетёра *ж разг. см.* **тетёрка**

тетерев *м зоол.* титав, хуруси титав

тетеревиный, -ая, -ое ...и титав

тетеревятник *м зоол.* турумтой

тетёрка *ж зоол.* 1. мокиёни титав 2. *разг. см.* **тетерев**

тетеря *м, ж обл. см.* **тетерев** ◇ **глухая ~** *прост.* девори киёмат, кари киёмат; **ленивая ~** *прост.* лаванд, танбал, бекорхуҷа, ландаҳур; **сонная ~** *прост.* умматн (бандаи) хоб

тетёха *м, ж прост.* дамбалхола, занаки чорпаҳлу

тетёшкать *несов. кого-что обл.* бачабардорӣ кардан

тетив||а *ж* 1. зеҳи камон, тори камон; **натянуть ~у лука** зеҳи камонро кашидан (таранг кардан) 2. тори таранг; **~а сети** тори таранги дом

тётин -а, -о *разг. см.* **тёткин**

тётка *ж* 1. *(по матери)* хола; *(по отцу)* амма; *(жена дяди)* янга 2. *обращ. прост.* хола

тёткин, -а, -о ...и хола, аз они хола; ...и амма, аз они амма

тетра: *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки аз чаҳор қисм иборат буданро ифода мекунад:* **тетраметр** тетраметр, мисраи чоррукна

тетрадка *ж см.* **тетрадь**

тетрадн||ый, -ая, -ое ...и дафтар, дафтарӣ; **~ый лист** вараки дафтар; **~ая бумага** когази дафтарӣ

тетрадочный, -ая, -ое *см.* **тетрадный**

тетрадь *ж* 1. дафтар; **школьная ~** дафтари мактабӣ; **общая ~** дафтари умумӣ; **нотная ~** дафтари нотанависӣ; **~ для рисования** дафтари расм 2. *полигр.* ҷузъи китоб

тетралогическ||ий, -ая, -ое *лит., муз.* тетралогӣ, ...и тетралогия; **~ая форма** шакли тетралогӣ

тетралогия *ж* тетралогия *(чор асари бадеӣ ё мусиқӣ, ки бо як мазмуну мундариҷа пайваста мебошанд)*

тетраметр *м лит.* тетраметр, мисраи чоррукна

тетраметрический, -ая, -ое *лит.* ...и тетраметр, чоррукна, ...и мисраи чоррукна; **~ стих** шеъри чоррукна

тетраэдр *м геом.* тетраэдр *(шакли геометрии чоррӯя, ки ҳар рӯяш секунҷа аст, мас. аҳром)*

тётушка *ж ласк. к* **тётка** 1

тётя *ж разг. см.* **тётка**

тефтели *мк. мн.* ғелаккабоб, кабобғелак

тех: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «техникӣ»:* **техпомощь** ёрмандии техникӣ; **техосмотр** назорати техникӣ

техминимум *м* минимуми техникӣ; **справочник по ~у** маълумотномаи минимуми техникӣ; **сдача ~а** супурдани имтиҳони минимуми техники

технадзор *м* назорати техникӣ

технеций *м хим.* технеций *(элементи химиявии радиоактивии сунъӣ)*

техник *м* 1. техник; **инженеры и ~и** инженерҳо ва техникҳо; **~-строитель** техники бинокор; **~-электрик** техники электрик; **зубной ~** дандонсоз 2. усто

техник||а *ж* 1. техника; **развитие ~и** тараққиёти техника; **передовая ~а** техникаи пешқадам; **по последнему слову ~и** дар асоси комьёбиҳои охирини техника // *собир.* техника, хоҷагии техникӣ; **сельскохозяйственная ~а** техникаи хоҷагии қишлоқ; **военная ~а** техникаи ҳарбӣ 2. усул, услуб, равиш, тарз, маҳорат; **~а шахматной игры** усули бозии шоҳмот; **у этого пианиста прекрасная ~а** ин пианинонавоз маҳорати аъло дорад ◇ **санитарная ~а** ҷиҳозоти санитарӣ; **~а безопасности** техникаи бехатарӣ

техникум *м* техникум; **строительный ~** техникуми бинокорӣ

техницизм *м книжн.* техникапарастӣ

техническ||ий, -ая, -ое *в разн. знач.* техникӣ, ...и техника; **~ий прогресс** пешрафти техникӣ; **~ая отсталость** ақибмонии техникӣ; **~ая учёба** омузиши техникӣ, техникаомузӣ; **~ий осмотр автомобиля** назорати техникии автомобиль; **~ие требования** талаботи техникӣ; **~ая служба** умури техникӣ; **~ие культуры** зироатҳои техникӣ *(мас. пахта, зағир)*; **~ие масла** равғанҳои техникӣ; **~ие навыки** малакаҳои техникӣ; **~ие приёмы** усул ва қоидаҳои техникӣ; **~ий секретарь** котиби техникӣ; **~ий редактор** муҳаррири техникӣ

техничка *ж разг.* 1. *(уборщица)* фаррошa 2. мошини ёрдами техникӣ

техничный, -ая, -ое (техничен, -на, -но) моҳир, усто, кордон

технолог *м* технолог; **инженер-~** инженер-технолог

технологическ||ий, -ая, -ое технологӣ, ...и технология; **~ие требования** талаботи технологӣ; **~ий институт** институти технологӣ; **~ий процесс** процесси технологӣ

технологичность *ж* технологиябоб будан(и)

технологичный, -ая, -ое (технологичен, -на, -но) технологӣ, ...и мувофиқи технология

технология *ж* технология; **~ металлов** технологияи металлҳо; **~ судостроения** технологияи киштисозӣ

техрук *м* (технический руководитель) роҳбари корҳои техникӣ

техобслуживание *с* хизматрасонии техникӣ

техосмотр *м* назорати техникӣ, муоинаи техникӣ

техперсонал *м* ҳайати (коркунони) техникӣ

техпомощь *ж* ёрмандии техникӣ

техред *м* муҳаррири техникӣ

течени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **течь** I 1, 3, 4) рафт, ҷараён, мурур, гузариш, гузаштан(и); **~е событий** рафти ҳодисаҳо; **~е времени** мурури замон; **~е болезни** ҷараёни касалӣ 2. ҷараён; **воздушное ~е** ҷараёни ҳаво; **тёплое ~е** ҷараёни гарм; **вниз по ~ю реки** мувофиқи рафти об, ба ҷараёни дарьё нигоҳ карда 3. *перен.* ҷараён, равия, майлон; **общественные ~я** равияҳои ҷамъиятӣ; **~я в искусстве** ҷараёнҳои гуногуни санъат ◇ **в ~е** *в знач. предлога с род.* дар муддати, дар давоми, дар бадали; **сделать работу в ~е нескольких часов** корро дар муддати якчанд соат иҷро кардан; **он не промолвил ни слова в ~е нашего разговора** вай дар муддати гуфтугузори мо сухане

нагуфт; с **~ем времени** бо мурури замон, бо гузаштани замон; **идти против ~я** замонасозӣ накардан; **плыть по ~ю** замонасозӣ кардан

тёчка *ж* угурхоҳӣ, гушн

теч||ь I *несов.* 1. шоридан, рехтан, ҷорӣ шудан (будан), равон шудан (будан); **река ~ёт на юг** дарьё ба тарафи ҷануб ҷори мешавад; **слёзы текýт** ашк равон аст; **кровь ~ёт из раны** аз ҷароҳат хун меравад 2. чакидан, сурох шудан (будан), обрав будан; **крыша ~ёт** бом мечакад 3. *перен.* равон шудан (будан) // *(о мыслях, словах и т. п.)* ҷорӣ шудан 4. гузаштан; **врéмя ~ёт быстро** вакт тез мегузарад; **его жизнь ~ёт безмятéжно** зиндагонии у оромона мегузарад ◇ **слюнки текýт** оби даҳан меравад

течь II *ж* 1. рехтан(и), шоридан(и); 2. сурох, шикоф, рахна; **задéлать ~** сурохро баста маҳкам кардан; **корабль дал ~** киштӣ сурох шуд

тéшить *несов. кого-что* 1. *разг.* хандондан; хушвақт (хурсанд, дилхуш) кардан; **~ ребят** бачаҳоро хандондан 2. дилдорӣ (дилбардорӣ) кардан, тасалло додан, руҳ бахшидан ◇ **~ взор** чашмро об додан; **~ чьё-л. самолюбие** иззати нафси касеро ба ҷо овардан

тéши||ться *несов.* 1. *чем и без доп. разг.* хушвақтӣ (хурсандӣ, дилхушӣ) кардан; **чем бы дитя не ~лось, лишь бы не плакало** *посл.* гур сузаду дег чушад 2. *над кем-чем разг.* мазох (масхара) кардан 3. *чем (успокаивать себя)* худро ором кардан, худро таскин додан

тёща *ж* модарарус, модари зан, хушдоман

тиáра *ж* афсар

тибéтец *м* тибетӣ

тибéтка *ж* тибетизан, тибетидухтар

тибéтск||ий, -ая, -ое тибетӣ, ...и Тибет; **~ий язык** забони тибетӣ; **~ое письмó** хати тибетӣ

тибéтцы *мн.* тибетиҳо *(ҳалкест дар Ҷануби Ғарбии Республикаи Халқии Хитой ва баъзе кишварҳои ҳамсоя)*

тúгель *м тех.* бута

тúгельн||ый, -ая, -ое бутагӣ, ...и бута; **~ая сталь** бутаҷулод

тигр *м* бабр, паланг

тигрёнок *м* бабрак, бабрбача

тигрúн||ый, -ая, -ое 1. ...и бабр, бабрӣ; ...и паланг; **~ый след** изи бабр 2. *перен.* баброна, бабрмонанд; **~ая повáдка** рафтори баброна

тигрúца *ж* модабабр, бабри мода

тигрóв||ый, -ая, -ое 1. ...и бабр, бабрӣ; ...и паланг; **~ая шкýра** пусти бабр // бабрӣ, баброна; ало; **~ая расцвéтка** накшу нигори ало 2. *дар таркиби баъзе номҳои зоологи ва ботаники* алобуло; **~ая акýла** наҳанги алобуло; **~ая лúлия** гули занбак ◇ **~ый глаз** *мин.* санги чашми бабр *(маъдани тиллоранги сиёҳтоб ё кабуди зардчатоб)*

тигролóв *м* шикорчии бабр (паланг), бабрафкан, бабргир

тик I *м мед.* ихтилоҷ

тик II *м текст.* тик

тик III *м бот.* заранд. соҷ

тик IV *межд.*: **~-~** чик-чик, тик-тик

тúканье *с (по знач. гл.* **тúкать**) чик-чик (тик-тик) кардан(и); *(звуки)* чиккос, тиккос

тúка||ть *несов.* чик-чик (чик-чук, тик-тик) кардан; **часы ~ют** соат чик-чик мекунад

тикáть *несов. прост.* гурехтан, ғоиб шудан

тúковый I, -ая, -ое *текст.* тикин, ...и тик; **~ чехол** ҷилди тикин, ҷилди аз тик духташуда

тикóв||ый II, -ая, -ое *бот.* ...и заранд, ...и соҷ; **~ое дерево** дарахти заранд

тик-тáк *межд.* чик-чак, чик-чук, чак-чук *(тақлиди гашти соат)*

тúльда *ж лингв.* тильда (1. *дар забоншиносӣ аломати болои ҳарф, ки мулоим талаффуз шудани онро мефаҳмонад* 2. *дар луғатҳо аломатест ба ҷои такрори калима ё қисмҳои он)*

тимóл *м* мушки сисанбар

тимóлов||ый, -ая, -ое ...и мушки сисанбар; мушкин; **~ое мыло** собуни мушкин

тимофéевка *ж бот.* қунокак, арзанак

тúмпан I *м муз.* шатарғу *(сози қадимии нақорамонанд)*

тимпáн II *м архит.* пешток

тимýровск||ий, -ая, -ое ...и темурчиён; **~ая команда** командаи темурчиён

тимуровцы *мн.* (*ед.* **тимýровец** *м*) темурчиён *(аъзоёни дружинаи ихтиёрии бачагоне, ки ба оилаҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва пиру куҳансол кумак мерасонанд)*

тимьян *м бот.* сесанбар

тúн||а *ж* лойка, тин, тина; **дно пруда покрылось ~ой** таги хавз пури тина шудааст

тинистый, -ая, -ое (тúнист, -а, -о) серлойка, пуртина

тинктýра *ж* нушдору, доруи обакӣ

тинктýрный, -ая, -ое ...и доруи обакӣ

тип *м* 1. хел, навъ, шакл; **автомобили нового ~а** автомобильҳои хели нав; **~ы почв** хелҳои хок 2. *биол.* тип; **~ цветкóвых растéний** типи растаниҳои гулдор 3. *(облик)* андом, шамоил, қиёфа 4. *(разряд, категория)* тоифа, табақа 5. *лит., иск.* тип, образ 6. *разг.* кас, одам; **странный ~** одами аҷиб

типизáция *ж* 1. типӣ кунонидан(и); **~ производственных процéссов** типӣ кунонидани процессҳои истеҳсолот 2. тасниф; **~ почв** таснифи хелҳои хок 3. *лит., иск.* типӣ кунонидан

типизúрование *с (по знач. гл.* **типизировать**) *лит., иск.* типикунонӣ; **~ действúтельности** типикунонии воқеият

типизúрованный, -ая, -ое 1. *прич.* типӣ кардашуда 2. *прил.* типӣ кунонидашуда

типизировать *сов., несов.* 1. *что* типӣ кунонидан; **~ строительство** сохтмонро типӣ кунонидан 2. *что и без доп. лит., иск.* (типи) кунонидан, типиконидан

типúчно *нареч.* ба таври типӣ, ба таври махсус, ба тарзи ба худ хос

типúчность *ж* 1. типият; типӣ будан(и); **~ явлéния** типияти ҳодиса 2. *лит., иск.* типӣ будан(и), хос будан(и)

типúчный, -ая, -ое (типúч|ен, -на, -но) 1. типӣ, хос, ба чизе хос буда, махсус; **~ слýчай** ҳодисаи хос; **~ южный город** шаҳри хоси ҷануб 2. *лит., иск.* типӣ, ба тип хос

типов||ой, -áя, -óе 1. намунавӣ, намунашаванда; **~ой договор** шартномаи намунавӣ; **~óй проéкт школы** лоиҳаи намунавии биноҳои мактаб 2. *(стандартный)* якхела, якқолиба, бо як андоза сохташуда; **~ое строительство** сохтмони андозаи якхела

типóграф *м* 1. коргари матбаа 2. *(жук-короед)* пустлокхӯрак *(як навъ гамбуски варарнок)*

типография *ж* матбаа, чопхона

типогрáфск||ий, -ая, -ое матбаагӣ, ...и матбаа, ...и чопхона; **~ий рабóчий** коргари матбаа; **~ая краска** ранги матбаа; **издáть книгу ~им способом** китобро бо усули типографи нашр кардан

типологúческ||ий, -ая, -ое *книжн.* типологӣ; **~ие различия** фаркҳои типологи; **~ая классификация языков** таснифи типологии забонҳо

типология *ж книжн.* типология

типóметр *м полигр.* типометр (1. *асбоб барои чен кардани андозаи ҳарфҳои матбаа* 2. *ҷадвал барои ҳисоб кардани миқдори сатрҳои чидашуда)*

типометрúческ||ий, -ая, -ое *полигр.* типометрӣ, ...и типометр; **~ая линéйка** ҷадвали типометрӣ, ҷадвали сатрҳисобкунӣ

типомéтрúя *ж* типометрия *(тартиби ченкунии унсурҳои чоп)*

типýн *м* нохунаи забон; **~ тебе (емý** *и т. д.*) **на язык** аз забонат (забонаш *ва г.*) шамол барад

типчáк *м бот.* типчок, силугиёх

типчаков||ый, -ая, -ое ...и типчок, ...и силугиёҳ; **~ая степь** дашти типчок

тир *м* тир *(машқгоҳи тирандозӣ)*

тирада *ж* ҷумла, ибора, гуфтор

тираж I *м* 1. тираж, бозии заём (лотерея); **~ займа** тиражи заём 2. бурд; **таблица ~éй** ҷадвали бурдҳо ◇ **выйти в ~** *ирон.* аз даҳон мондан

тирáж II *м* тираж, адади нашр; **массовый ~ учéбников** нашри оммавии китобҳои дарсӣ; **~ газéт** тиражи газетаҳо

тиражúрование *с (по знач. гл.* **тиражировать**) муайян кардани тираж, тиражмуайянкунӣ, муайянкунии адади нашр; **~ книг** муайянкунии тиражи китобҳо

тиражировать *сов., несов. что* тиражро муайян кардан, адади нашрро муайян кардан

тирáжн||ый I, -ая, -ое ...и тираж, тиражӣ, ...и бозии заём (лотерея); **~ая**

таблица ҷадвали тираж, ҷадвали бозии заём (лотерея)

тиражный II. -ая, -ое ...и тираж, тиражи, ...и адади нашр

тира́н *м* 1. *(деспот)* мустабид, ҳокими бедодгар 2. *перен.* золим, ситамгар

тиранить *несов. кого-что разг.* зулм (ситам) кардан

тирани́ческ||ий, -ая, -ое ...и мустабид, золимона, мустабидона, ситамгарона; ~ая **власть** ҳокимияти золимона

тирани́я *ж книжн.* ҳукмронии мутлақа; зулм, истибдод; ~ **капитала** истибдоди капитал; **царская** ~ зулми шоҳ

тиранка *разг. женск. к* **тиран**

тиранство *с* мустабидӣ, зулмпешагӣ, золимӣ, бедодгарӣ, ситамгарӣ

тира́нствовать *несов. разг.* ҷавр (ҷабр) кардан

тире́ *с нескл.* тире

тирс *м миф.* тирс *(ҷубдасти Викх ва ёрони у дар асотири Юнон)*

тис *м бот.* зарнаб, сурхдора

тискальный, -ая, -ое *полигр.*: ~ **станок** нусхагирак, дастгоҳи нусхагирӣ

ти́скальщик *м полигр.* нусхагир

ти́скать *несов.* 1. *кого-что разг.* сахт ба оғуш кашидан; **приятели тискали друг дру́га в объятиях** дӯстон ҳамдигарро сахт ба оғуш кашиданд 2. *что прост.* тиққондан, ҷо кардан 3. *что полигр* нусха гирифтан; ~ **корректу́рные о́ттиски** нусхаҳои корректураро гирифтан 4. *что уст. (печатать)* сабт кардан

ти́скаться *несов.* 1. *прост.* тела-тела карда гузаштан; ҷамъ шудан, зич шудан 2. *страд.* фушурда шудан

тиск||и́ *мк мн.* 1. гира, гиро 2. *перен. воен.* муҳосира, иҳота 3. *перен.* шиканҷа, зулм, ҷабр, азоб; ~й **кри́зиса** азоби бӯҳрон ◊ **держать в** ~а́х ба шиканҷа гирифтан; **зажать (взять) в** ~й 1) *воен.* душманро иҳота кардан 2) зери даст кардан

тиско́вый, -ая, -ое ...и гиро; ~ **болт** мурвати гиро

тисне́ние *с* 1. нақшкубӣ; ~ **по коже** нақшкубии чарм 2. *(узор)* нақш, нақшаи барҷаста

тиснённый *прич.* (тисн|ён, -ена, -ено) нақшкубшуда

тиснён||ый, -ая, -ое нақшкуб; ~ый **переплёт** муқоваи нақшкуб; ~ые **обои** зардевориҳои нақшин

тисни́льный, -ая, -ое ...и нақшкубӣ; ~ **пресс** манганаи нақшкубӣ

тиснуть *сов.* 1. *однокр. к* **ти́скать** 1; 2. *см.* **ти́скать** 3, 4

ти́сов||ый, -ая, -ое 1. ...и зарнаб, ...и сурхдора; ~ая **роща** ҷакалаки зарнаб 2. *в знач. сущ.* **тисовые** *мн. бот.* зарнабҳо, сурхдораҳо

тисочный, -ая, -ое ...и гиро

титан *м* 1. *миф. мн.* титанҳо *(дар асотири Юнон худоҳои ситабр, ки ба муқобили худоҳои кӯҳи Олимп ҷанг мекарданд)* 2. *перен.* даҳо, нобуғ; ~ы **русской нау́ки** даҳоёни илми рус 3. *хим.* титан *(элементи химиявӣ, металл)* 4. *(кипятильник)* титан, обҷӯшонак

тита́нистый, -ая, -ое *хим.* титандор, титанӣ

титани́ческ||ий, -ая, -ое 1. бузургвор(она); ~ая **нату́ра** табиати бузургворона 2. азим, бисьёр калон, зӯр; ~ая **работа** кори азим; ~ая **борьба** муборизаи азим; ~ие **уси́лия** ҷидду ҷаҳди зӯр

титанов||ый, -ая, -ое *хим.* ...и титан, титанӣ; ~ые **руды** маъданҳои титан; ~ые **сплавы** хулаҳои титанӣ

тите́стер *м* титестер, мумайизи сифати чой

ти́тло *с филол.* титло *(аломати болои сатр, ки дар матни асрҳои миёна болои калимаҳои мухтасар навишташуда ё ҳарфҳои ба маънои рақам кор фармудашуда гузошта мешуд)*

тито́вка *ж* нордонсеб

титр *м* титр (1. *кино матни зери кадр* 2. *текст. андозаи ғафсии ресмон* 3. *хим. миқдори ин ё он модда дар 1 мл маҳлул)*

титрование *с хим.* титронӣ *(муайян намудани миқдори моддаҳои ягон маҳлул)*

титрованн||ый, -ая, -ое *хим.* 1. *прич.* титронидашуда 2. *прил.* титрӣ, титрдор; ~ые **раство́ры** маҳлулҳои титрдор

титровать *сов., несов. что хим.* титронидан

титроваться *несов. страд.* титронида шудан

то́риев||ый, -ая, -ое ...и торий; **~ая руда** маъдани торий

то́рий *м хим.* торий *(элементи химиявӣ, металл)*

тори́стый, -ая, -ое торийдор; **~ вольфра́м** вольфрами торийдор

тори́т *м* торит *(маъдани дона-донаи зарди сурхтоб с сиёҳча)*

тори́ть *несов.* *что* кушодан, кашидан *(роҳро)*

торичёллиев, -а, -о: **~а пустота** *физ.* мухаллои Торичелли

то́ркать *несов.* *кого-что, чем прост.* нихта кардан, тела додан; халондан, тиққондан

то́ркаться *несов. прост.* тела-тела кардан; так-так кардан; тела дода даромадани шудан

то́ркнуть(ся) *сов. однокр. к* **торкать(ся)**

торма́шк||и: **вверх ~ами** сарнагун, поскуно, вожгун; **полете́ть вверх ~ами** сарнагун афтидан

торможе́ни||е *с* 1. *(по знач. гл.* **тормози́ть** 1, 2) тормоздиҳӣ; халалрасонӣ; **автомати́ческое ~е** тормоздиҳии автоматӣ 2. *физиол.* боздорӣ *(суст ё қатъ гардидани ангезиши бофтаҳои организм аз таъсири бардавоми ангеза)*; **це́нтры ~я** марказҳои боздорӣ

то́рмоз *м* 1. (*мн.* **тормоза**) тормоз; **ручно́й ~** тормози дастӣ; **автомати́ческий ~** тормози автоматӣ 2. (*мн.* **то́рмозы**) *см.* **торможе́ние**; 3. (*мн.* **то́рмозы**) *перен.* халал, монеъ, монеа, сабаби акибмонӣ ◇ **на ~а́х** ба тадриҷ, тадриҷан

тормози́ть *несов.* 1. *что и без доп.* тормоз додан; **~ машину** тормоз дода мошинро боз доштан; **ре́зко ~** якбора тормоз додан 2. *что перен.* халал расондан, монеъ шудан; **~ рабо́ту** ба кор халал расондан 3. *что физиол.* боздорӣ кардан

тормози́ться *несов.* 1. тормоз дода шудан; тормоз хурдан 2. *страд.* халал расонда шудан

тормозн||о́й, -ая, -ое 1. ...и тормоз, тормозӣ, тормоздор; **~о́й рычаг** фашанги тормоз; **~о́е колесо́** чархи тормоздор 2. *физиол.* ...и боздорӣ; **~о́й процесс** процесси боздорӣ

тормоши́ть *несов.* *кого-что разг.* 1. ҷунбондан, кашидан, кандан, даст кофтан; **~ спя́щего** каси хобидаро ҷунбонда бедор кардан; **~ кого́-л. за рукав** аз остини касе кашидан 2. *перен.* безор кардан, ташвиш додан, бесаранҷом кардан; **~ вопросами** саволборон карда безор кардан

тормоши́ться *несов. разг.* 1. *(копошиться)* ҷунбуҷӯл кардан // *(суетиться)* ташвишу тараддуд кардан, давуғеҷ кардан, захмат кашидан 2. *страд.* ҷунбонда шудан

торна́до *м нескл.* торнадо *(гирдбоди сахт дар ШМА)*

то́рн||ый, -ая, -ое ҳамвор, рост; **~ая дорога** *прям., перен.* роҳи ҳамвор

торова́тость *ж уст. и прост.* саховат, олиҳимматӣ, ҷавонмардӣ

торова́тый, -ая, -ое (торова́т, -а, -о) 1. *уст. и прост.* *(щедрый)* сахӣ, олиҳиммат, ҷавонмард 2. *обл.* *(бойкий)* чобук, чолок, чаққон

торока́ *тк. мн.* фитрок

торопи́ть *несов.* *кого-что и без доп.* шитоб кунондан, ҳадаҳа кардан, тезондан, бесаришта (телба) кардан; **~ кого́-л. с отве́том** ҷавобашро тезондан

торопи́ться *несов. с неопр., с чем и без доп.* шитоб кардан, шитофтан, таъҷил намудан, бесаришта (телба) шудан, саросема шудан; **~ на рабо́ту** ба кор шитофтан; **не торопя́сь** саросема нашуда; **говори́ть не торопя́сь** саросема нашуда гап задан

тороплйвость *ж* шитоб, шитобкорӣ, саросемагӣ, телбагӣ

торопли́в||ый, -ая, -ое (торопли́в, -а, -о) 1. шитобкор(она), саросема, телба; **~ый челове́к** одами шитобкор; **~ые шаги́** қадамҳои шитобкорона 2. саросемавор; **~ый отъе́зд** саросемавор баромада рафтан(и)

торопы́га *м, ж прост.* одами саросема (телба)

торо́с *м* бардама

торо́систость *ж* сербардамагӣ, пурбардамагӣ

торо́систый, -ая, -ое (торосист, -а, -о) сербардама, пурбардама; **~ лёд** яхи сербардама

тороси́ть *несов.* *что* бардама кардан

тороси́ться *несов.* бардама шудан

торо́совый, -ая, -ое ...и бардама

торочи́ть *несов.* *кого-что* ба фитрок бастан

торочи́ться *несов. страд.* ба фитрок баста шудан

тороше́ние *с* *(по знач. гл.* **торосить**) бардама кардан(и); *(по знач. гл.* **тороси́ться**) бардама шудан(и)

торпе́да *ж* торпеда

торпеди́рование *с* *(по знач. гл.* **торпеди́ровать** 1) торпедазанӣ, торпеда задан(и)

торпеди́ровать *сов., несов.* *что* 1. торпеда задан, ба воситаи торпеда ҳуҷум кардан 2. *горн.* таркондан 3. *перен.* халал расондан, вайрон кардан, бар бод додан

торпеди́роваться *несов. страд.* бо торпеда зада шудан

торпеди́ст *м* торпедаандоз

торпе́дник *м* торпедаандоз

торпе́дный, -ая, -ое ...и торпеда, торпедӣ, торпедаандоз, ...и торпедаандозӣ; **~ аппарат** аппарати торпедаандозӣ; **~ катер** катери торпедаандоз

торпедоно́сец *м* самолёти торпедаандоз

торпедоно́сн||ый, -ая, -ое торпедаандоз; **~ая авиация** авиацияи торпедаандоз

торс *м* 1. тан, бадан 2. *иск.* муҷассамаи бадан

торт *м* торт; **шоколадный ~** торти шоколадии

то́ртовый, -ая, -ое ...и торт, тортӣ; **~ крем** креми торт

торф *м* торф; **залежи ~а** кони торф; **добы́ча ~а** торфхосилкунӣ

торфо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «торф»:* **торфодобыва́ние** торфканӣ, торфгирӣ, торфҳосилкунӣ; **торфообразова́ние** торфҳосилшавӣ; **торфоразрабо́тки** кони торф

торфова́ние *с* торфпошӣ, торфандозӣ; **~ по́чвы** торфпошӣ ба замин

торфова́ть *несов.* *что* торф пошидан, торф андохтан *(ба замин)*

торфова́ться *несов. страд.* торф пошида шудан

торфодобывание *с* торфканӣ, торфгирӣ, торфҳосилкунӣ

торфообразование *с* торфҳосилшавӣ

торфоперегнойн||ый, -ая, -ое ...и торфупору; **~ые горшочки** тубакҳои торфупору

торфоразработки *мн.* кони торф

торфорез *м* торфбуррак, мошини торфбуррӣ

торфосос *м* торфкашак

торфяник *м* 1. ботлоқи торфдор, торфзор 2. торфгар; **рабочий-~** торфгар; **инженер-~** инженери торфгарӣ

торфянист||ый, -ая, -ое (торфянист, -а, -о) торфдор; **~ая почва** замини торфдор

торфян||ой, -ая, -ое ...и торф, торфи, торфдор, торфин; **~ое болото** ботлоқи торфдор; **~ые почвы** заминҳои торфдор; **~ой дёготь** қатрони торф; **~ые разработки** ҷои торфҳосилкунӣ; **~ая электростанция** станцияи электрикии торфӣ

торцевание *с см.* **торцовка** 1

торцевать *несов. что* 1. ён баровардан; **~ вал**, **~ пиломатериалы** ёни навардро (чубро) баровардан 2. гулафарш (чубфарш) кардан; **~ мостовую** кучаро гулафарш кардан

торцеваться *несов. страд.* ён барноварда шудан

торцевой, -ая, -ое *см.* **торцовый**

торцовка *ж* 1. (*по знач. гл.* **торцевать**) ёнбарорӣ; гулафаршкунӣ 2. дастгоҳи ёнбарорӣ 3. *разг.* роҳи гулчафарш

торцовочный, -ая, -ое ...и ёнабарорӣ; **~ станок** дастгоҳи ёнабарорӣ

торцов||ый, -ая, -ое 1. ...и ён 2. ...и ёни (ёнаи) хона; **~ая стена дома** девори ёнаи хона 3. гулачафаршӣ; **~ая мостовая** кучаи гулачафарш

торч||ать *несов.* 1. рост (сих) истодан, аз даруи намоён шуда истодан, баромада истодан; **бревно ~ит из воды** сари болор аз об берун аст 2. *перен. разг.* хода барин истодан; **~ать перед глазами** доимо дар пеши назар хода барин истодан ◇ **~ать над чьей-л. душой** касеро безор кардан

торчком *нареч. разг.* рост, сих барин, чухт, тик; **волосы стоят ~** муи сар сих барин истодааст

торчмя *нареч. прост. см.* **торчком**

торшер *м* торшер (*чароғи поядор*)

тоск||а *ж* 1. ғам, ғусса, ҳасрат, андух; **~а по родине** ёди ватан 2. *разг.* дилгирӣ, дилтангӣ; **его чтение вызывает ~у** хониши у дилгир мекунад ◇ **зелёная ~а** ғами зардобкунанда; **залить ~у** ғамро ғарқи май кардан

тоскливо 1. *нареч.* ғамгинона, ғамангезона, пурғусса, маҳзунона 2. *в знач. сказ. чаще кому* ғамгин (ғамнок, ҳазин, маҳзун) аст; **ему было ~** вай ғамгин буд

тоскливость *ж* 1. ғамгинӣ, пурғуссагӣ, маҳзунӣ, хузновар будан(и) 2. *разг.* (*уныние*) ғам, ғусса, ҳасрат, андух, алам

тосклив||ый, -ая, -ое (тосклив, -а, -о) 1. ғамгин, пурғусса, ҳасратнок, андухгин, маҳзун, ҳазин, аламнок; **~ая песня** суруди хузновар; **~ый взгляд** нигоҳи пуралам 2. ғамангез, ғуссаовар, зиқовар, зиққунанда, дилгиркунанда; **~ая погода** ҳавои дилгиркунанда

тосковать *несов.* 1. *о ком-чём, по кому-чему и без доп.* ғам (ғусса) хурдан, ҳасрат кашидан, зиқ шудан, пазмон шудан, зор шудан; **~ по родине** ватанро ёд кардан, пазмони ватан шудан 2. *по чему разг.* муштоқ шудан, зор шудан

тост I *м* нушбод; **провозгласить ~** нушбод гуфтан

тост II *м* тост (*пораи тунуки нони сингавy бирьён*)

тостер *м* тостер (*асбоби тостпазӣ, асбоби нони сингапазӣ*)

тот *м* (та *ж*, то *с*, те *мн.*) *мест.* 1. *указ.* он, ҳамон, вай, ӯ; **дайте мне вон ту книгу** ба ман ана вай китобро диҳед; **на том берегу** дар он соҳил; **по ту сторону** дар он тараф; **в ~ день было тепло** он руз ҳаво гарм буд 2. *указывает на предмет в главном предл., к которому относится придат. предл.*: **я спрошу у того, кто знает** ман аз он кас мепурсам, ки медонад; **он приехал в ~ город, где родился** вай ба шаҳре омад, ки дар он таваллуд ёфтааст 3. *указ.* (*этот*) он, ҳамон; **он вошёл не в ~ вагон** у на ба он вагон даромад; **я взял не ту книгу** ман на он китобро гирифтам; **с тех пор, с той поры** аз он вақт (замон); аз ҳамон боз 4. *при перечислении или сопоставлении* ин, он, ҳамин, ҳамон; **тем или иным способом** бо ин ё он роҳ; **с той или с другой стороны** аз ин ё он тараф; **ни ~ ни другой** на ин, на он; **и ~ и другой** ҳар ду, ҳар кадом, ҳам ин — ҳам он 5. *определит., чаще в сочет. «тот же, тот же самый»* ҳамон, ҳамин, ин, он; **на нём была та же чёрная одежда** дар танаш ҳамон либоси сиёҳ буд // *в знач. сущ., чаще с отриц.* **тот** *м*, **та** *ж*, **то** *с* он, ҳамон, вай; **он теперь не ~** вай ҳоло тамоман дигар шудааст 6. **то** *с* 1) *в составе сложных союзов:* **благодаря тому что** ба сабаби он ки, бинобар он ки; **ввиду того что** аз боиси он ки, бинобар он ки, ба сабаби он ки; **в то время как...** дар сурате ки ...; **для того чтобы** барои он ки; **до того что** то ба дараҷае ки; **между тем как** ҳол он ки; **несмотря на то, что** бо вуҷуди он ки; **подобно тому как** ба монанди он ки; **по мере того как** ба андозаи он ки, ба қадри он ки; **тем временем** дар айни замон, дар айни ҳол; **с тем чтобы** барои он ки 2) *в вводных словах и словосочетаниях:* **вместе с тем** баробари ин, баробари ҳамин (ҳамон); **к тому же** дар болои он, илова бар он; **кроме того** [ба] ғайр аз он; **между тем** дар зимни он, ҳол он ки; **тем не менее** бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ин; **сверх того** илова бар он, дар болои он; ба замми он ◇ **~ свет** охират, он дунё; **отправить на ~ свет** ба дорулбақо фиристодан, куштан; **отправиться на ~ свет** ба дорулбақо рафтан, мурдан; **~ или другой** (иной) ё ин, ё он; **тому назад** пеш аз ин, аз ин пеш; муқаддам; **год тому назад** як сол пеш аз ин; **и тому подобное (и т. п.)** ва монанди ин; **более того** зиёда аз ин; **до того** то ба дараҷае; [**и**] **без того** бе ҳамон ҳам, бе он ҳам; **не то, что (чтоб, чтобы)** на ин ки, на танҳо; **не то, что (чтоб, чтобы)..., а и ...** на ин ки, на танҳо (аммо, ... лекин); **он не то что институт, а и средней школы не закончил** вай на ин ки институт, балки мактаби миёнаро ҳам тамом накардааст; **и то** *прост.* дуруст, дар ҳақиқат, ҳамин тавр; набошад чӣ, ҳа-дия; [**да**] **и то сказать** ҳамин тавр, ҳақиқатан; **то-сё, то да сё**, [**и**] **то и сё**, **пока то да сё** то хаш-хаш гуфтана, ана мана нагуфта; **пока собирались к нему, пока то да сё, а он тем временем и ушёл** ба пеши вай рафтани шудему то ана мана гуфтан баромада рафтааст; **ни то ни сё** 1) (*о ком-л.*) на ину на он; на обу на оташ, на мурдаю на зинда; **он так себе, ни то ни сё** у ҳамтуякак, на ин тавру на он тавр, на ин тарафу на он тараф; 2) (*о чём-л.*) на ину на он, як навъ, на хубу на бад; 3) (*об ответе, решении*) на ҳа на не; **ни с того ни с сего** бе ҳеҷ асос, бе ҳеҷ сабаб; **то и дело** дам ба дам, доимо, ҳамеша; **то и знай** *прост.* танҳо, фақат; доимо, ҳама вақт; **то ли дело** бисьёр хуб, тамоман дигар; **того и жди (гляди)** аҷаб не ки, қариб ки, эҳтимол ки; **того и гляди он нагрянет к нам в гости** аҷаб не, ки у ба хонаи мо меҳмон шуда омада монад; **во что бы то ни стало** ба ҳар ҳол; **встать не с той ноги** бо пои чап хестан; **если уж на то пошло** модоме ҳамин хел шуда бошад; **и то хлеб** ба ҳаминаш ҳам шукр; **как бы то ни было** ба ҳар ҳол, ҳар куре, ки нашавад; **не на того напал!** аноиатро ёфтӣ!; **не тем будь помянут** кирои гап не; **платить той же монетой** ба некӣ — некӣ, ба бадӣ — бадӣ; **тем же миром мазаны, того же поля ягода** кал додари кур

тотализатор *м* тотализатор (*асбобе, ки дар пойгаҳо гаравпулии ҳар як аспи пойгадавро нишон медиҳад ва инчунин ҷое, ки пули гарав мегирад ва ба касони бурдагӣ пули гаравро медиҳад*)

тоталитаризм *м книжн.* тоталитаризм

тоталитарность *ж книжн.* тоталитарӣ будан(и), тоталитарият; **~ режима** тоталитарияти тартибот

тоталитарн||ый, -ая, -ое *книжн.* тоталитарӣ; **~ое государство** давлати тоталитарӣ (*як шакли давлат аст, ки органҳои назорати он ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъият ба таври тотали, яъне пуррaвy мутлақан ҳукмфармоӣ мекунанд ва амалан озодию ҳуқуқҳои конститутсиониро аз байн мебардоранд*); **~ый режим** тартиботи тоталитарӣ (*сохти сиёсиест, ки дар*

овони он давлатро як гурӯҳ одамон ба даст мегиранд ва бо зурию тааддӣ халқро мубталои зулму бедодӣ менамоянд ва аз тамоми намудҳои озодӣ маҳрум месозанд)

тота́льность *ж книжн.* тоталӣ будан(и), умумӣ будан(и), куллӣ будан(и)

тота́льн||ый, -ая, -ое (тота́|лен, -льна, -льно) *книжн.* тоталӣ, умумӣ, куллӣ, ҳамаро фарогиранда; **~ая война́** ҷанги тоталӣ *(ҷанги империалистие мебошад, ки бо тамоми будушуди мамлакат, бо тамоми воситаҳои мудҳишу қаттолтарин, бе риояи тамоми нормаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ бар зидди ҳам қувваҳои мусаллаҳ ва ҳам аҳолии осоишта бурда мешавад)*

тоте́м *м* тотем *(ҳайвон ё растание, ки баъзе халқҳои ақибмонда ҳомии қабилаи худ шуморида, онро парастиш мекунанд)*

тотеми́зм *м* тотемизм *(парастиши тотемҳо)*

тотемисти́ческ||ий, -ая, -ое ...и тотемизм, тотемӣ; **~ие обря́ды** русумоти тотемӣ

тоте́мный, -ая, -ое тотемӣ, ...и тотем; **~ культ** парастиши тотем

то-то *частица разг.* 1. *(в том то и дело)* ана хамин, масъала дар ин 2. *(вот почему)* ана, барои ҳамин, бинобар ин, ана ҳамин тавр будааст ◇ [**вот**] **~ и оно́!**, [**вот**] **~ и есть!** ана, гап дар кучост!, мана, масъала дар ҳамин!, ана ҳамин хел!; **ну ~ же!** ҳа, ана ҳамин тавр!

тотча́с *нареч.* 1. дарҳол, ҳамон соат, ҳамон дам, фавран, зуд; **я ~ приду́** фавран меоям 2. дар худи ҳамон ҷо; **~ за ле́сом начина́лась дере́вня** аз худи канори беша деҳа сар мешуд

точе́ние *с см.* **то́чка** II

то́ченный *прич.* (точен, -а, -о) тез кардашуда, чарх додашуда

точён||ый, -ая, -ое 1. тез, тезшуда, чархдоштагӣ; **~ый нож** корди тез 2. харротӣ; **~ые изде́лия** маснуоти харротӣ 3. *перен.* нозук, латиф, нафис, зариф, зебо; **~ые черты́ лица́** тарҳи нозуки чеҳра

то́чечи||ый, -ая, -ое 1. хол-хол, холчадор, нуқтагӣ, нуқтадор, нуқта-нуқта; **~ый узо́р** нақшу нигори хол-хол 2. нуқташакл, нуқтамонанд; **~ая электросва́рка** кафшери электрикии нуқта-нуқта

точи́лка *ж* чарх

точи́ло *с* кайрок, чарх

точи́льный, -ая, -ое ...и тезкунӣ, ...и чархдорӣ; **~ ка́мень** кайроксанг, санги чарх

точи́льщик *м* 1. чархчӣ 2. *зоол.* арза *(кирми чубхур)*

точи́ть *несов.* 1. *что* тез кардан, чарх доштан, кайрок кардан; **~ бритву** покуро тез кардан 2. тез кардан, тарошидан; **~ каранда́ш** қалам тез кардан, нуги қаламро баровардан 3. *что и без доп.* тарошидан, харротӣ кардан; **~ на тока́рном станке́** дар дастгоҳи харротӣ тарошидан 4. *что* сурох кардан, нобуд кардан, задан; **моль то́чит сукно́** куя мовутро мезанад 5. *кого-что перен.* азият додан, афгор кардан, хурдан, реш-реш кардан; **его́ то́чит тоска́** ғам дилашро реш-реш мекунад 6. *кого-что перен. разг. (бранить)* сарзаниш (коҳиш) кардан, ҳақорат (дашном) додан ◇ **~ зу́б (зу́бы)** *на кого-что* дандон тез кардан; **~ ля́сы (баля́сы)** *прост.* лаққидан, гапфурӯшӣ кардан, сафсата гуфтан, ҳарзагӯӣ кардан; **~ нож на кого́-л.** ба ҷони касе қасд кардан; **червь то́чит** *кого* хуноби дил хурдан; **его́ то́чит червь сомне́ния** шакку шубҳа дилашро хурда истодааст

точи́ться *несов. страд.* тез карда шудан

то́чк||а I *ж* 1. хол, холча, нақша; **си́тец в кра́сных ~ах** чити холҳояш сурх // *перен. (что-л. еле видимое)* нуқта, нуқтача 2. нуқта, аломати нуқта; **~а с запято́й** нуқтавергул; **две ~и** *(двоеточие)* дунуқта, аломати баён; **~а — тире́** нуқта — тире, нуқтаю тире 3. *мат., физ.* нуқта; **~а пересече́ния двух прямы́х** *мат.* нуқтаи буриши ду хати рост; **~а каса́ния** *мат.* нуқтаи тамос; **~а опо́ры** *физ.* нуқтаи истинод 4. нуқта, ҷой; **~а попада́ния снаря́да** нуқтаи ба ҳадаф расидани тири тӯп; **са́мая высо́кая ~а горы́** нуқтаи баландтарини кӯҳ 5. ҷой, мавқеъ; **огнева́я ~а** *воен.* мавқеи оташкушоӣ; **торго́вая ~а** дукон 6. *физ.* нуқта, дараҷа; **~а кипе́ния** нуқтаи ҷӯшиш; **~а плавле́ния** дараҷаи гудозиш 7. нуқта, дараҷа, ҳад; **вода́ в реке́ дости́гла вы́сшей ~и** оби дарё ба дараҷаи болотарин баромад; **напряже́ние в за́ле дости́гло вы́сшей ~и** шиддати авзои аҳли зал ба авҷи аъло расид 8. *в знач. сказ. разг. (кончено, хватит)* бас (кифоя) аст ◇ **~а зре́ния** нуқтаи назар; **изложи́ть свою́ ~у зре́ния** нуқтаи назари худро баён кардан; **с ~и зре́ния кого́-л.** аз нуқтаи назари касе; **~и соприкоснове́ния** нуқтаи баҳамрасӣ; **мёртвая ~а** *тех.* 1) нуқтаи сокит 2) беҳаракатӣ, вазъияти (ҳолати) беҳаракатӣ; **отправна́я ~а** нуқтаи мабдаъ; **на ~е замерза́ния** дар як ҷо шах шуда монда; **на мёртвой ~е** дар вазъияти беҳаракатӣ, дар айни як ҳол; **~а в ~у** айнан, нуқта ба нуқта, ҳарф ба ҳарф; **бить в одну́ ~у** диққатро ба як чиз (ба як нуқта) равона кардан; **дойти́ до ~и** *прост.* ба ҳадди табоҳ расидан; **довести́ до ~и** *кого прост.* ба ҳадди табоҳ расондан; **зна́ть до ~и** нуқта ба нуқта фаҳмидан (донистан); **попа́сть в** [**са́мую**] **~у** айни муддаоро гуфтан (кардан); **смотре́ть (гляде́ть) в одну́ ~у** чашм духтан; **ста́вить ~у на чём-л.** корро ба охир расондан, кореро тамом (бас) кардан; **ста́вить ~и над «и»** пусткандаи гапро гуфтан

то́чк||а II *ж (по знач. гл.* **точи́ть** 1, 2, 3) тезкунӣ, чархдорӣ, кайроккунӣ; харротикунӣ; **~а пилы́** сухонкунии арра; **маши́нка для ~и каранда́шей** қаламтезкунак, қаламтарош

то́чно I *нареч.* 1. айнан, расо, аниқ, муайян; **~ в три часа́** расо дар соати се; **попа́сть ~ в цель** айнан ба нишон расидан 2. *в сочет. со словами «такой», «тот», «так»* айнан, тамоман; **~ тако́й** айнан ҳамин хел; **~ така́я же кни́га** айнан ҳамин хел китоб; **~ так** айнан ҳамин тавр (хел); **он сде́лал ~ так, как ему́ сказа́ли** чи тавре ки ба у гуфта будаид, у айнан ҳамин хел кард 3. *разг.* дар ҳақиқат, ҳақиқатан, рости гап; **~, э́то он сде́лал** дар ҳақиқат ин корро у карда буд 4. *сравн. ст.* точне́е аниқтар; **точне́е говоря́** аниқтар карда гуем ◇ **так ~** *воен.* ҳа, ҳамин тавр

то́чно II 1. *союз сравн.* гуё, ...барин, худди...; **он ~ поме́шанный** у девона барин 2. *частица разг.* гуё, худди..., ... барин, монанди, зоҳиран; **я ~ вас где́-то ви́дел** ман шуморо дар куҷое дидагӣ барин

то́чност||ь *ж* 1. аниқӣ, саҳеҳӣ, дурустӣ; **~ь ве́са** аникии (саҳеҳии) вазн 2. айнан будан(и), аниқ будан(и); **~ь перево́да** айнан будани тарҷума 3. дақиқият, боинтизомӣ, ботартибӣ, мунтазамӣ; **отлича́ться большо́й ~ью** хеле боинтизом будан ◇ **в ~и** айнан, худди худаш; **до ~и** *прост.* муфассал, нуқта ба нуқта

то́чн||ый, -ая, -ое (то́ч|ен, -на́, -но) 1. аниқ, саҳеҳ, дуруст, дақиқ; **~ые весы́** тарозуи дақиқ; **~ое вре́мя** вақти аниқ 2. аниқ, дуруст; **~ый перево́д** тарҷумаи дуруст; **~ая стрельба́** тирандозии бехато (аниқ) 3. аниқ, муайян; **~ый учёт** ҳисобу китоби аниқ; **~ый а́дрес** адреси аниқ 4. дақиқ, боинтизом, ботартиб; **~ый челове́к** одами дақиқ ◇ **~ая меха́ника** механикан дақиқ; **~ые нау́ки** фанҳои дақиқ

то́чь-в-то́чь *нареч. разг.* айнан, нуқта ба нуқта, ҳарф ба ҳарф; **он пересказа́л всё ~ как бы́ло** чи тавр рӯй додани воқеаро вай нуқта ба нуқта нақл кард

тошни́||ть *несов. безл. кого* 1. дил беҳузур (беҷо) шудан; **больно́го ~т** дили бемор беҳузур шуда истодааст 2. *перен. разг.* дил мондан, ба дил задан; **меня́ ~т от его́ нравоуче́ний** аз насиҳатҳои вай дилбазан шудам

то́шно *разг. в знач. сказ. безл. кому* 1. дилбеҳузуркунанда (дилбеҷокунанда) аст; **ему́ ~ от э́того лека́рства** ин дору дилашро беҳузур мекунад 2. *перен. (противно)* манфур (кароҳатовар, нафратовар) аст; **~ смотре́ть на э́то** аз дидани ин чиз нафрати кас меояд 3. *перен. (тяжело)* токатгудоз аст

тошнота́ *ж* 1. дилбеҳузурӣ, дилбеҷошавӣ 2. *перен. разг.* нафрат, кароҳат

тошнотво́рный, -ая, -ое (тошнотво́р|ен, -на, -но) 1. кайовар, дилбеҳузуркунанда, дилбеҷокунанда; **~ за́пах бу́и** дилбеҳузуркунанда 2. *перен. разг.* кароҳатовар, нафратовар, нафратангез

тошно́тн||ый, -ая, -ое (тошнот|ен, -на, -но) 1. ...и дилбеҳузурӣ, ...и беҳузурии

дил, ...и дилбечошавӣ; ~**ые ощущения** ҳисси беҳузурии дил 2. *разг. см.* **тошнотворный**

тощный, -ая, -ое (тощ|ен, -на, -но) *разг.* 1. қайовар, дилбеҳузуркунанда, дилбечокунанда; ~ запах буи дилбечокунанда 2. *перен.* манфур, кароҳатовар, нафратангез

тощать *несов. разг.* лоғар (хароб) шудан, коҳидан

тощ||ий, -ая, -ее (тощ, -а, -е) 1. лоғар, хароб, коҳидагӣ; ~**ий человек** одами лоғар; ~**ая курица** мурғи хароб 2. *перен. разг.* холӣ, пуч, тиҳӣ; ~**ий кошелёк (карман)** ҳамьёни холӣ (тиҳӣ) 3. пажмурда, заиф; ~**ая растительность** растаниҳои пажмурда 4. *тк. полн. ф.* хароб, беқувват; ~**ая земля** замини беқувват ◇ **на ~ий желудок** бо дили наҳор, ношито накарда

тощища *ж разг.* дилгиршавии (зиқии) тоқатфарсо

тпру *межд.* тр-р-р *(нидое, ки аробакаш бо он аспро нигоҳ медорад)* ◇ **ни ~ ни ну** *в знач. сказ. прост.* на ин тараф, на он тараф; на ҳа, на не

тпрукать *несов. прост.* тр-р-р гуфтан

трав||а *ж* алаф, гиёҳ; **однолетние травы** алафҳои яксола; **многолетние травы** алафҳои бисьёрсола; **кормовые травы** алафҳои хӯроки; **сорная ~а** алафи бегона ◇ **~а́ ~ой, как ~а** фачу бемаза, оби раббано; **~ой поросло** фаромуш шуд; **тише воды, ниже ~ы** роҳ гардад — заминро озор намедиҳад; **хоть ~а не расти** *прост.* баъд аз сари ман офтоб хоҳ бароянд, хоҳ набарояд; деге, ки барои ман нақушад, ба дарунаш хок чӯшад

траверз *м мор. авиа* траверз, ҳизо *(самте, ки ба рафти киштӣ ё самолёт амудӣ аст)*

траверс I *м* 1. *воен.* хокрез 2. *гидротех.* сарбанд, дорғот

траверс II *м спорт.* қуллараҳа *(хатте, ки як чанд қуллаи силсилакуҳҳоро мепайвандад ва онро кӯҳгардон тай мекунанд)*

траверса *ж* 1. болор 2. синчи боровезӣ 3. маснад *(ду дасти манораҳои сими электрики, ки ба он худи симҳо овехта мешавад)*

травертин *м геол.* оҳаксанг

травести *с нескл.* 1. *театр.* травести *(роли писар ё ҷавонро бозидани зан)* 2. *лит.* ҳаҷвия

травильный, -ая, -ое *тех.* ...и тезоб, ...и тезобдиҳӣ; ~ **раствор** тезоб

травильщик *м* тезобгар *(коргаре, ки бо тезоб нақш мебарорад ё чизеро тоза мекунад)*

травина *ж разг. см.* **травинка**

травинка *ж* хас

травить I *несов.* 1. *кого-что* захр дода (зада) куштан; ~ **мышей** мушҳоро заҳр дода куштан 2. *разг.* заҳролуд кардан; ~ **себя алкоголем** бо маю шароб худро заҳролуд кардан 3. *что тех.* тезоб додан 4. *что* таки по кардан, нобуд кардан 5. *кого-что охот.* дунболагирӣ кардан, бо сагҳо таъқиб кардан; ~ **зайца собаками** бо сагҳо харгӯшро таъқиб кардан//*разг.* кишкиш додан; ~ **собак** сагро киш-киш додан 6. *кого-что перен. разг.* таъқиб кардан, азият додан, хор кардан

травить II *несов.* 1. *что мор.* суст (халта) кардан, оҳиста-оҳиста сар додан *(тор ё арғамчини киштиро)*; ~ **канат** арғамчинро суст кардан 2. *что (выпускать пар, воздух)* сар додан, берун баровардан 3. *перен. шутл. прост.* дуруғ гуфтан, дуруғгуӣ кардан, лоф задан

травиться I *несов.* 1. *разг.* заҳр хӯрдан, заҳр хурда худро куштан 2. *страд.* поймол карда шудан

травиться II *несов.* 1. *(выходить наружу — о паре, воздухе)* сар дода шудан, берун баромадан 2. *страд.* суст карда шудан

травка I *ж уменьш.-ласк. к* **трава**; ~ **зеленеет** сабза медамад

травка II *ж см.* **травление** I

травка III *ж см.* **травление** II

травление I *с (по знач. гл.* **травить** I 2) тезоб додан(и)

травление II *с (по знач. гл.* **травить** II) сусткунӣ; сардиҳӣ; ~ **троса** сусткунии симтаноб; ~ **пара** сар додани буғ

травленный I *прич.* (травлен, -а, -о) заҳр додашуда; тезоб додашуда

травленный II *прич.* (травлен, -а, -о) суст кардашуда; сар додашуда

травленый I, -ая, -ое *тех.* тезобхурондашуда, тезобхурда; ~ **металл** металли тезобхурда

травленый II, -ая, -ое дунболгиршуда, бо сагҳо таъқиб кардашуда ◇ ~ **волк** гурги борондида

травля *ж (по знач. гл.* **травить** I 4, 5) дунболагирӣ, бо сагҳо таъқиб кардан(и); азиятдиҳӣ, хоркунӣ

травма *ж* ҷароҳат, захм, садама; ~ **черепа** захми косахонаи сар // *(нервное потрясение)* садамаи асаб; **психическая** ~ зарбаи руҳӣ

травматизм *м* травматизм; **спортивный** ~ травматизми спортӣ; **борьба с ~ом на производстве** мубориза ба муқобили травматизм дар истеҳсолот

травматическ||ий, -ая, -ое ҷароҳатӣ, ...и ҷароҳат, ...и захм, ...и латхурӣ; ~**ое повреждение** иллати латхурӣ; ~**ий шок** сактаи зарбу лат

травматолог *м* травматолог

травматологический, -ая, -ое травматологи, ...и травматология; ~ **институт** институти травматология

травматология *ж* травматология *(соҳаи тиб, ки ҷароҳатҳои зарбу лат ва тариқи муолиҷаи онҳоро меомӯзад)*

травмирование *с (по знач. гл.* **травмировать)** ҷароҳатноккунӣ, ҷароҳатрасонӣ, захмдоркунӣ

травмировать *сов., несов. кого-что* ҷароҳатнок кардан, маҷрух кардан, захмдор кардан; хароб кардан; ~ **нервную систему** асабҳоро хароб кардан

травмироваться *несов. страд.* ҷароҳатнок карда шудан

травник *м* 1. *разг. (настойка)* қиёми гиёҳ 2. *уст.* гербарий 3. гиёҳнома

траво: *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «алаф»:* **травосеяние** алафкорӣ; **травостой** алафзор

травополье *с* алафгардон

травопольн||ый, -ая, -ое ...и алафгардон, ...и системаи алафгардон; ~**ая система** системаи алафгардон

травосеяние *с* алафкорӣ

травосмесь *ж с.-х.* омехтаи алафҳо

травостой *м* алафзор, ҷои сералаф

травоядный, -ая, -ое алафхур

травушка *ж фольк. ласк. к* **трава** сабза, алафҷон, гиёҳак

травянист||ый, -ая, -ое (травянист, -а, -о) 1. *тк. полн. ф.* алафӣ, алафин 2. *(поросший травой)* сералаф, алафзеркарда 3. *тк. полн. ф.* алафмонанд 4. *перен. разг.* бемаза, фаҷ 5. *қисми таркибии баъзе номҳои ботаники*; ~**ая бегония** хасратгул

травян||ой, -ая, -ое 1. алафӣ, ...и алаф, алафин, гиёҳӣ, ...и гиёҳ; гиёҳин; ~**ой стебель** пояи алаф; ~**ая настойка** қиёми алаф; ~**ой клещ** алафкана 2. сералаф, алафзеркарда; ~**ое поле** замини сералаф 3. *(зелёный — о цвете)* сабз, сабзранг

трагедийность *ж* фоҷианок будан(и), фоҷиавӣ будан(и), фоҷианокӣ

трагедийный, -ая, -ое (трагеди|ен, -йна, -йно) 1. *тк. полн. ф.* фоҷиавӣ, фоҷианок; ~ **актёр** актёри рольҳои фоҷиавӣ; ~ **стиль** услуби фоҷиавӣ 2. *книжн.* фоҷианок, пурфоҷиа

трагеди||я *ж* 1. *театр., лит.* фоҷиа 2. *перен.* касофат, фалокат, бадбахтӣ ◇ **делать ~ю** *из чего* воҳима кардан; аз пашша фил сохтан

трагизм *м* 1. фоҷианокӣ, фоҷиавӣ будан(и), фоҷиавият 2. ночорӣ, ноилоҷӣ; ~ **положения** ночории аҳвол

трагик *м* 1. актёри рольҳои фоҷиавӣ 2. *уст.* фоҷианавис, муаллифи асари фоҷиавӣ

трагикомедия *ж* 1. *театр.* мазҳакаи фоҷиаомез 2. *перен.* воқеаи ҳам хандаву ҳам гирьяовар

трагикомическ||ий, -ая, -ое 1. ...и мазҳакаи фоҷиаомез 2. *перен.* андуҳгину хандаовар, ҳам хандаву ҳам гирьяовар; **попасть в ~ое положение** мулзам шудан

трагикомичный, -ая, -ое (трагикомич|ен, -на, -но) *см.* **трагикомический** 2

трагически *нареч.* ба таври фоҷиавӣ, дахшатангез, мудҳишона; ~ **погибнуть** ба таври фоҷиавӣ ҳалок шудан

трагическ||ий, -ая, -ое 1. фоҷиавӣ, ...и фоҷиа, фоҷианок; ~**ий жанр** жанри фоҷиавӣ; ~**ий актёр** актёри рольҳои фоҷиавӣ // *в знач. сущ.* **трагическое** *с* фоҷиа, даҳшат 2. *перен.* фоҷианок, даҳшатнок, ҳалокатовар, мудҳиш; ночор, ноилоҷ; ~**ая гибель** марги муфоҷот; ~**ая судьба** қисмати мудҳиш; **быть в ~ом положении** ночор мондан, ноилоҷ шудан

трагично *нареч. см.* **трагически**

трагичность *ж* фоҷианокӣ, даҳшатнокӣ; ночорӣ, ноилоҷӣ; ~ **положения** ночории аҳвол

трагичный, -ая, -ое (трагич|ен, -на, -но) *см.* **трагический** 2

традиционализм *м книжн.* анъанапарастӣ, расмиятпарастӣ

традиционность *ж* анъанавият, анъанавӣ будан(и); ~ **обычаев** анъанавияти урфу одатҳо

традиционный, -ая, -ое (традицион|ен, -на, -но) 1. анъанавӣ; ~ **обычай** урфу одати анъанавӣ; ~ **праздник** иди анъанавӣ 2. одатшуда, одатӣ, расмӣ, расмшуда; ~ **костюм** либоси одатӣ

традици||я *ж* 1. анъана; **революционные** ~**и пролетариата** анъанаҳои революционии пролетариат; **боевые** ~**и** анъанаҳои ҷангӣ; **трудовые** ~**и** анъанаҳои меҳнатӣ 2. расм, одат, урфу одат, расму одат; **войти в** ~**ю** расм (одат) шудан; **по** ~**и** мувофиқи урфу одат

траектори||я *ж* траектория, маҳрук; **вычислить** ~**ю** траекторияро ҳисоб кардан; ~**я полёта снаряда** маҳруки парвози тири туп

тракт *м* шоҳроҳ, роҳи калон, роҳи васеъ; **автомобильный** ~ роҳи калони автомобильгард ◇ **желудочно-кишечный** ~ *анат.* аъзои ҳозима

трактат *м* 1. рисола; **философский** ~ рисолаи фалсафӣ 2. *дип.* аҳдномаи байналхалқӣ

трактир *м уст.* 1. трактир (1. *меҳмонхонаи ресторандор* 2. *майхона)*

трактирный, -ая, -ое *уст.* ...и трактир; ~ **номер** ҳуҷраи трактир

трактирщик *м уст.* соҳиби трактир

трактирщица *ж уст.* соҳибаи трактир

трактование *с см.* **трактовка**

трактовать *несов.* 1. *что* маънидод (таъбир, тавзеҳ, тафсир) кардан, эзоҳ (шарҳ) додан; ~ **законы** қонунҳоро шарҳ додан; **актёр по-новому трактует эту роль** актёр ин рольро ба таври нав тавзеҳ медиҳад 2. *что, о чём уст.* муҳокима кардан, баҳс (ифода, баён) кардан; фикр рондан

трактоваться *несов.* 1. фаҳмонида шудан, маънидод карда шудан 2. мавриди мулоҳиза (муҳокима) будан 3. *страд.* тафсир карда шудан

трактовка *ж* (*по знач. гл.* **трактовать** *и* **трактоваться**) маънидод, таъбир, тавзеҳ, тафсир, эзоҳ, шарҳ; **новая** ~ **вопроса** тафсири нави масъала; **режиссёрская** ~ **пьесы** тавзеҳи режиссёрии пьеса

трактов||ый, -ая, -ое ...и шоҳроҳ, ...и роҳи калон, ...и роҳи васеъ; ~**ая дорога** роҳи калони мошингард

трактор *м* трактор; **колёсный** ~ трактори чархдор; **гусеничный** ~ трактори тасмачарх; **трелёвочный** ~ трактори чӯбкаш

тракторист *м* тракторчӣ, тракторрон

трактористка *женск. к* **тракторист**

тракторн||ый, -ая, -ое ...и трактор, трактори; ~**ая бригада** бригадаи тракторӣ; ~**ый завод** заводи трактор (тракторсозӣ); ~**ый культиватор** культиватори трактори; ~**ый сев** кишти трактори

тракторо= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «трактор»:* **тракторостроение** тракторсозӣ

тракторoремонтн||ый, -ая, -ое ...и таъмири тракторҳо, ...и трактортаъмиркунӣ; ~**ые мастерские** устохонаҳои таъмири тракторҳо

тракторостроение *с* тракторсозӣ

тракторостроительный, -ая, -ое ...и тракторсозӣ; ~ **завод** заводи тракторсозӣ

трал *м* трал (1. *тӯри халташакл барои шикори моҳӣ* 2. *асбоб барои дошта гирифтан ва нобуд кардани минаҳои зериобӣ* 3. *асбоб барои тадқиқ кардани қаъри баҳр)*

траление *с* (*по знач. гл.* **тралить**) траландозӣ, бо трал шикор кардан(и); тралкунӣ, бо трал дошта гирифтан(и); ~ **сельди** бо трал шикор кардани шурмоҳӣ; ~ **мин** бо трал дошта гирифтани мина; ~ **дна** тадқиқи қаъри баҳр ба воситаи трал

тралер *м см.* **траулер**

тралить *несов. что* 1. трал андохтан; бо трал шикор кардан, бо трал моҳӣ гирифтан 2. *воен., мор.* трал кардан; бо трал дошта гирифтан 3. ба воситаи трал қаъри баҳрро тадқиқ кардан

тралмейстер *м* тралмейстер, устои шикори тралӣ

тралов||ый, -ая, -ое 1. ...и трал, тралӣ; ~**ый лов** шикори тралӣ 2. ...и киштии тралдор; ~**ая база** базаи киштиҳои тралдор; ~**ая флотилия** флотилияи киштиҳои тралдор

тральщик *м* 1. киштии тралдор 2. устои шикори тралӣ 3. тралдор (*киштии ҳарбӣ, ки минаҳои зериобиро медорад)* 4. тральщик, мутахассиси корҳои минагузорӣ

трамбование *с см.* **трамбовка**

трамбовать *несов. что* шибба кардан, шибба задан; ~ **мостовую** роҳи сангфаршро шибба кардан

трамбовка *ж* 1. (*по знач. гл.* **трамбовать**) шиббакунӣ, шиббазанӣ; ~ **земли** шиббакунии хок 2. шиббакунак, шиббазанак

трамбовочн||ый, -ая, -ое ...и шиббакунӣ, ...и шиббакорӣ; ~**ая машина** шиббамошин, мошини шибба

трамбовщик *м* шиббакор, шиббачӣ

трамбовщица *женск. к* **трамбовщик**

трамва||й *м* трамвай; **речной** ~**й** трамваи дарьёӣ; **сесть в** ~**й** ба трамвай савор шудан; **ехать на** ~**е** бо трамвай рафтан

трамвайн||ый, -ая, -ое ...и трамвай; ~**ая остановка** истгоҳи трамвай

трамвайщик *м* 1. трамвайчӣ, коркуни трамвай 2. коргари қароргоҳи трамвай

трамвайщица *женск. к* **трамвайщик**

трамплин *м* 1. *спорт.* ҷастгоҳ (*суфачаи нишеб барои ҷаҳиш*); **лыжный** ~ ҷастгоҳи лыжапарӣ; **прыжки в воду с** ~**а** паридан ба об аз ҷастгоҳ 2. *перен.* такьягоҳ, муттако

трамплинный, -ая, -ое ...и ҷастгоҳ; ~ **мостик** тахтаи ҷастгоҳ

транжир *м разг.* исрофкор, нобудкор

транжира *м, ж см.* **транжир**

транжирить *несов. что* беҳуда сарф кардан, исроф кардан, нобуд кардан; ~ **деньги** пулро беҳуда сарф кардан

транжириться *несов. страд.* беҳуда сарф карда шудан

транжирка *женск. к* **транжир**

транжирство *с разг.* беҳуда сарфкунӣ, исрофкорӣ, нобудкунӣ

транзистор *м* транзистор (1. *асбоби нимноқили барои тақвият, табдил ва ҳосил кардани сигналҳои электр* 2. *радиоприёмники хурд, ки бо транзисторҳо кор мекунад)*

транзисторный, -ая, -ое ...и транзистор, транзисторӣ

транзит *м* транзит (1. *одам ва молкашонӣ аз як мамлакат ба мамлакати дигар ба воситаи роҳҳои мамлакати сеюми дар мобайни онҳо воқеъбуда* 2. *ба станцияҳои мобайни нафуровардa кашондани мол ва одамон)*

транзитник *м разг.* пассажири (мусофири) транзитӣ

транзитн||ый, -ая, -ое транзитӣ, ...и транзит; ~**ая торговля** савдои транзитӣ; ~**ые страны** давлатҳои транзитӣ; ~**ые перевозки** молкашонии транзитӣ; ~**ый вагон** вагони транзитӣ

транс *м мед.* изтирор; **впасть в** ~ ба изтирор мондан // *книжн.* ваҷд; **быть в** ~**е** ба ваҷд омадан

транс= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои зерин:* 1) *ҳаракат аз болои фазои чизе ё бурида гузаштани он* — **трансокеанский** уқьёнуспаймо, ...и убури уқьёнус 2) *паси чизе, мавораи чизе* — **трансальпийский** мавораи Альп 3) *восита, бадал, табдил* — **транслитерация** табдили ҳуруф

трансагентство *с* агентии нақлиёт

трансальпийский, -ая, -ое мавораи Альп

трансарктический, -ая, -ое трансарктикӣ, болоиқутбӣ

трансатлантический, -ая, -ое ...и убури уқьёнуси Атлантик

трансгрессия *ж геол.* тасаллут (*хушкиро зер кардани оби баҳр)*

транскрибирование *с* (*по знач. гл.* **транскрибировать**) транскрипциякунӣ, бо транскрипция навиштан(и)

транскрибировать *сов., несов. что лингв.* транскрипция кардан, аломатҳои транскрипция гузоштан (кардан), бо транскрипция навиштан; ~ **текст** матнро транскрипция кардан

транскрибироваться *несов. лингв.* 1. бо транскрипция ифода ёфтан 2. *страд.* транскрипция карда шудан

транскрипционн||ый, -ая, -ое *лингв.* ...и транскрипция, транскрипционӣ; ~**ые знаки** аломатҳои транскрипция

транскрипция *ж* транскрипция (1. *лингв. ифодаи овозҳои нутқ ба воситаи хатҳои махсус ва алифбои инсуна ифода* 2. *см.* **транслитерация**; 3. *муз. ба ягон соз ё овоз мувофиқ кардани асари мусиқӣ, ки барои соз ё овози дигар навишта шудааст)*

транслировать *сов., несов. что* транслиция кардан, шунавонидан; ~ **концерт** концертро шунавонидан

транслироваться *несов. страд.* трансляция карда шудан

транслитерация *ж лингв.* транслитерация (*навиштани ҳарфҳои як алифбо бо ҳарфҳои алифбои дигар*)

транслятор *м* транслятор (*дастгоҳи интиқоли нутқ, мусиқи, тасвир бо радио, телевизион ва дигар воситаҳои алоқа*)

трансляция *ж* трансляция (1. *интиқоли нутқ, мусиқӣ, тасвир бо радио ё дигир воситаҳои алоқа* 2. *ҷиҳозоти тақвияти сигналҳои электрики дар занҷири электрики* 3. *биол. синтези силсилаҳои сафедаҳо дар ҳуҷайраҳои зинда аз руи информацияи генетики*)

трансмиссионный, -ая, -ое трансмиссиягӣ, ...и трансмиссия; ~ **вал** наварди трансмиссия

трансмиссия *ж* ноқили ҳаракат

трансокеанский, -ая, -ое уқьёнуспаймо, ...и убури уқьёнус; ~ **теплоход** киштии уқьёнуснавард

транспарант *м* 1. лавҳи шиор, лавҳи сурат 2. мистар

транспарантный, -ая, -ое 1. ...и лавҳи шиор, лавҳи сурат 2. ...и мистар, мистарӣ

трансплантация *ж мед.* 1. трасплантация (*гирифта шинондани узв ё бофтаи организм аз як ҷояш ба ҷои дигараш, ё аз як организм ба организми дигар*) 2. *сад.* пайванд, пайвандкунӣ

транспорт *м* 1. нақлиёт; **железнодорожный** ~ нақлиёти роҳи оҳан; **водный** ~ нақлиёти обӣ; **воздушный** ~ нақлиёти ҳавоӣ; **гужевой** ~ аспу ароба, улав 2. интиқол, ҳамл, нақл, боркашӣ, боркашонӣ; ~ **хлеба на грузовиках** кашондани ғалла бо мошинҳои боркашонӣ 3. бун, бор; **прибыл большой** ~ **хлопка** бори калони пахта омад 4. корвон, қофила, қатора 5. *воен.-мор.* киштӣ, киштии ҳарбии боркаш; **минный** ~ киштии минакаш; **десантный** ~ киштии десант

транспортабельность *ж* кашонданбоб будан(и), барои кашондан қулай будан(и)

транспортабельный, -ая, -ое (транспортабе|лен, -льна, -льно) кашонданбоб, кашондани

транспортёр *м* 1. транспортёр (*тасмаи даврзанандаи интиқоли бор*); **ленточный** ~ транспортёри тасмагӣ 2. *ж.-д.* вагони болокушодаи серчарха 3. автомобили зиреҳпуш

транспортёрн||ый, -ая, -ое ...и транспортёр, транспортёрӣ; ~**ая лента** тасмаи транспортёр

транспортир *м* транспортир

транспортирование *с см.* **транспортировка**

транспортировать *сов., несов. кого-что* кашондан, мол бурда овардан; кӯчондан; ~ **грузы** бор кашондан

транспортироваться *несов. страд.* кашонда шудан

транспортировка *ж* (*по знач. гл.* **транспортировать**) кашондан(и), молкашонӣ, боркашонӣ; ~ **грузов** боркашонӣ; ~ **хлопка** кашондани пахта, пахтакашонӣ; ~ **раненых** кӯчондани захмдорон

транспортировочный, -ая, -ое ...и боркашонӣ, ...и борбарӣ; ~ **конвейер** конвейери боркашонӣ

транспортник *м* 1. коркуни нақлиёт 2. *разг.* самолёти боркаш

транспортница *женск. к* **транспортник** 1

транспортн||ый, -ая, -ое нақлиёти, ...и нақлиёт, ...и боркашонӣ; ~**ые расходы** хароҷоти нақлиёт; ~**ая авиация** авиацияи боркаш; ~**ое машиностроение** мошинсозии нақлиёти

трансформатор *м* 1. трансформатор 2. артисти ҳамакора 3. (*фокусник*) найрангбоз, шуъбадабоз, ҳуққабоз

трансформаторн||ый, -ая, -ое ...и трансформатор, трансформаторӣ; ~**ая обмотка** симпечи трансформатор

трансформационн||ый, -ая, -ое 1. *физ.* трансформационӣ, ...и трансформация; ~**ая аппаратура** аппаратҳои трансформационӣ 2. шаклдигаркунанда, намуддигаркунанда

трансформация *ж* 1. *книжн.* таносух, тағьирьот, шакливазкунӣ 2. *физ.* табдилдиҳӣ 3. *биол.* таворуд (*ворид кардани информацияи генетики ба ҳуҷайра*) 4. *лингв.* таҳвил (*дигар кардани ҷои калимаву ибора дар ҷумла*) 5. чашмбандӣ (*тез дигар кардани артист қиёфаи худро дар цирк ё намоиши эстрадӣ*)

трансформизм *м биол.* трансформизм (*таълимот дар бораи тағьирьёбии намудҳои ҳайвонот ва наботот, бидуни ба назар гирифтани имтидоди таърихӣ ва тадриҷи будани инкишофи табиат*)

трансформирование *с* (*по знач. гл.* **трансформировать**) тағьирдиҳӣ, дигаргунсозӣ; (*по знач. гл.* **трансформироваться**) тағьирьёбӣ, табдильёбӣ, дигаргуншавӣ; ~ **тока** табдильёбии ҷараёни электрики

трансформировать *сов., несов. что* 1. *книжн.* тағьир додан, табдил кардан, дигаргун сохтан; ~ **атомную энергию в электрическую** энергияи атомро ба энергияи электрикӣ табдил кардан 2. *физ.* табдил додан; ~ **ток** ҷараёни электрикро табдил додан

трансформироваться 1. *сов., несов. книжн.* тағьир ёфтан, табдил шудан, дигаргун шудан 2. *сов., несов. физ.* табдил ёфтан 3. *несов. страд.* тағьир дода шудан

трансфузия *ж мед.* тадохул; ~ **крови** тадохули хун (*ба дохили организме ривон кардани хун*)

трансцендентализм *м филос.* трансцендентализм (*таълимоти фалсафии идеалистӣ, ки шаклҳои априории шуурро аз таҷриба муқаддам шумурда онро фақат шарти шуур медонад*)

трансцендентальность *ж филос.* трансценденталӣ будан(и)

трансцендентальн||ый, -ая, -ое (трансцендента|лен, -льна, -льно) *филос.* трансценденталӣ, ...и трансцендентализм, зеҳнӣ; ~**ый идеализм** идеализми трансценденталӣ; ~**ая теория познания** назарияи трансценденталии маърифат

трансцендентность *ж* 1. *филос.* трансцендентнок будан(и); ~ **понятий** трансценденталӣ будани мафҳумҳо 2. *мат.* трансцендентноки; ~ **функций** трансцендентнокии функцияҳо

трансцендентн||ый, -ая, -ое (трансцендент|ен, -на, -но) 1. *филос.* трансцендентӣ 2. *тк. полн. ф. мат.* трансцендентӣ (*ба воситаи амалҳои алгебра ҳисоб карда намешудагӣ*); ~**ые числа** ададҳои трансцендентӣ

траншейн||ый, -ая, -ое хандақӣ, ...и хандақ; ~**ое выращивание лимонов** дар хандақ руёндани лимон

траншея *ж* 1. *воен.* хандақ 2. хандақ, ҷӯйбор; ~ **для укладки водопроводных труб** хандақи қубурҳои об 3. *горн.* кони кушод

трап *м* трап, нардбони киштӣ (самолёт), зинапояи киштӣ (самолёт); **верёвочный** ~ нардбони арғамчинӣ; **подняться на борт самолёта по** ~**у** аз трап ба самолёт баромадан

трапеза *ж церк.* 1. мизи тановул (*дар дайр*) 2. таомхурӣ // *уст. теперь шутл.* таомхӯрӣ, хурокхурӣ 3. ошхонаи дайр

трапезник *м* дастархончии дайр

трапезничать *несов. церк.* хурок (таом) хурдан, нахорӣ кардан (*дар дайр*) // *уст.* хурок (таом) хурдан, айшу ишрат кардан, базм кардан, зиёфат кардан

трапезный, -ая, -ое *церк.* 1. ...и хӯрокхурӣ, ...и таомхурӣ; ~ **час** соати таомхӯрӣ; ~ **зал** толори таом 2. *в знач. сущ.* **трапезная** *ж* ошхонаи дайр

трапецеидальный, -ая, -ое *см.* **трапециевидный**

трапециевидный, -ая, -ое (трапециевид|ен, -на, -но) трапецияшакл

трапеци||я *ж* 1. *мат.* трапеция (*чоргушае, ки ду тарафаш байни худ мутавозӣ ва ду тарафи дигараш ғайри мутавозӣ мебошанд*) 2. *спорт.* турник; **выполнять упражнения на** ~**и** машқро дар турник иҷро кардан

трапп *м горн.* трапп (*номи як қатор ҷинсҳои вулкани аз қабили сангҳои диабаз*)

трас *м горн.* трас (*ҷинси кӯҳии вулканӣ, ки барои истеҳсоли цемент кор фармуда мешавад*)

трасса *ж* 1. роҳ, равиш, самт, рафт; ~ **нефтепровода** самти қубурҳои нафт; ~ **метро** самти метро 2. роҳ; **автомобильная** ~ роҳи автомобильгард; **воздушная** ~ роҳи ҳавоӣ 3. (*след пули, снаряда*) изи рахшони тир

трассирование *с* (*по знач. гл.* **трассировать**) нақшакашӣ; ~ **нефтепровода** нақшакашӣ барои гузарондани қубурҳои нафт

трассировать *сов., несов. что* кашидан, нақша кашидан; ~ **железнодорожную магистраль** магистрали роҳи оҳанро кашидан

трассироваться *несов. страд.* кашида шудан

трассиро́вка *ж см.* **трасси́рование**

трассиро́вочный, -ая, -ое ...и нақшакашӣ; ~ **шнур** ресмони нақшакашӣ

трасси́рующ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* рахшанда, рахшон; ~**ая пу́ля** тири рахшанда

трассоло́гия *ж* изшиносӣ *(илми иф-шои изи ҷиноят; фасли криминалис-тика)*

трат||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **тра́тить)** сарфкунӣ, харҷкунӣ; ~**а де́нег** пулсарфкунӣ; ~**а вре́мени** вақтгузаронӣ 2. *чаще мн.* **тра́ты** сарф, исроф, харҷ, хароҷот; **больши́е** ~**ы** хароҷоти калон

тра-та-та́ *межд.* тарам-та-та, тарам--тарам *(тақлид ба овози мусиқӣ, нағора ва ғ.)*

тра́тить *несов. что* сарф (харҷ, хароҷот) кардан; ~ **де́ньги** пул сарф кардан; ~ **си́лы** қувва сарф кардан; **напрасно** ~ **вре́мя** вақтро беҳуда сарф кардан ◇ **да́ром** ~ **по́рох** он суи руд пул бастан

тра́титься *несов.* 1. *разг.* сарф (харҷ, хароҷот) шудан, пул сарф кардан; ~ **на пое́здку** барои сафар пул сарф кардан; **вре́мя тра́тится напра́сно** вақт беҳуда сарф мешавад 2. *страд.* сарф карда шудан

тра́улер *м* киштии тралдор; **рыболо́вный** ~ киштии тралдори моҳигирӣ

тра́улерный, -ая, -ое ...и киштии тралдор; ~ **флот** флоти киштиҳои тралдор

тра́ур *м* 1. мотам, азо, азодорӣ; **объяви́ть** ~ мотам эълон кардан 2. либоси мотам, либоси азодорӣ; **носи́ть** ~ либоси азодорӣ пушидан

тра́урница *ж зоол.* шумшапалак *(ша-палаки калони бунафштоби таки бол-ҳояш тиран рахдор)*

тра́урный, -ая, -ое 1. мотамӣ, азогӣ, ...и мотам, ...и азо, ...и азодорӣ; ~ **ми́тинг** митинги мотамӣ 2. *перен.* маҳзун, ғамангез, андӯҳовар; ~ **вид** қиёфаи маҳзун

трафаре́т *м* 1. гарда; **раскра́шивать по** ~**у** гарда бардоштан // *(рисунок)* нақша 2. *перен.* қолиб

трафаре́тность *ж* аз даҳан монда будан(и), куҳна будан(и), куҳнагӣ

трафаре́тн||ый, -ая, -ое (трафаре́т|ен, -на, -но) 1. *тк. полн. ф.* ...и гарда; 2. аз даҳан монда, забонзад, куҳна; ~**ая фра́за** ибораи аз даҳан монда

трафи́ть *несов. кому прост.* хушомад (тамаллуқ) кардан

трах *межд.* 1. *звукоподр.* шартас, шалаппас, гулдуррос, қарс 2. *в знач. сказ. разг.* қарсос зада куфтам (куфтӣ, куфт *ва ғ.*); бархурдам (бархурдӣ, бархурд *ва ғ.*): **он** ~ **кулако́м по́ столу** у қарсос зада ба стол мушт куфт

тра́хать(ся) *несов. см.* **трахнуть(ся)**

трахе́йн||ый, -ая, -ое *анат.* ...и нои нафас, нойнафасӣ; ~**ая тру́бка** нои нафас

трахеотоми́я *ж мед.* трахеотомия *(таштреҳи нои нафас ва ба вай гузои-тани найчаи махсус, ки ба воситаи он бемор нафас мекашад)*

трахе́я *ж* 1. *анат.* нои нафас 2. *чаще мн.* **трахе́и** *зоол.* найҳои нафас *(дар баъзе буғумпойҳо)* 3. *чаще мн.* **трахе́и** *бот.* рагҳо *(дар растаниҳо)*

трахи́т *м* трахит *(санги шахшуле, ки барои сохтмон ба кор бурда мешавад)*

тра́хну||ть *сов., однокр. разг.* 1. шартас (шалаппас, гулдуррос, қарсос) задан; **вдали́** ~**л вы́стрел** аз дур қарсоси милтиқ шунида шуд // *(выстрелить)* паррондан, тир холӣ кардан; ~**ть из ружья́** аз милтиқ тир андохтан 2. *кого-что и без доп. (ударить)* қарсн задан, қарсос зада куфтан

тра́хнуться *сов. разг.* 1. *(упасть с шу-мом)* гумбуррос (гулдуррос, қарсос) зада ғалтидан 2. *(сильно удариться)* бархурдан, худро ба чизе зада гирифтан

трахо́ма *ж мед.* рамад, кукра

трахомато́зный, -ая, -ое *мед.* 1. ...и рамад, ...и кукра; ~ **ви́рус** вируси рамад 2. рамадӣ; ...и дарди рамад; ~ **больно́й** гирифтори рамад

трахо́мный, -ая, -ое рамадӣ

тре- **(трёх-)** *қисми аввали калима-ҳои мураккаб, ки иборат будани чизе аз се аломат ё қисми якхеларо ифода мекунад:* **трезу́бый** сешоха, седандона; **трёхглавый** сесара, секалла; **трёхча-со́вой** сесоата; **трёхто́мный** сеҷилдӣ

тре́ба *ж* 1. *уст.* қурбонӣ 2. *церк.* ибодат

тре́бник *м церк.* китоби ибодат *(ки-тобе, ки аз рӯи он оинҳо ва маросим-ҳои динӣ иҷро карда мешавад)*

тре́бовани||е *с* 1. *(по знач. гл.* **тре́бовать** 1, 3) талабкунӣ; чегзанӣ 2. талаб, иддао, тақозо, дархост; **на-стоя́тельное** ~**е** талаби ҷиддӣ; **удов-летвори́ть чьи-л.** ~**я** талаботи касеро қонеъ гардондан; **по пе́рвому** ~**ю** ба-робари талаб кардан 3. *чаще мн.* **тре́-бования** талабот, қоида; **отвеча́ть** ~**ям** мувофиқи талабот будан 4. *чаще мн.* **тре́бования** талабот; ~**я наро́дного хозя́йства** талаботи хоҷагии халқ 5. талабнома, ариза; ~**е на то́пливо** талабнома барои сузишворӣ

тре́бовательно *нареч.* сахтгирона; ис-роркорона, инодкорона, омирона

тре́бовательность *ж* сахтгирӣ, сер-талабӣ

тре́бовательн||ый, -ая, -ое (требова-те|лен, -льна, -льно) 1. сахтгир, сер-талаб; ~**ый учи́тель** муаллими серта-лаб 2. боисрор, инодкорона, омирона; **говори́ть** ~**ым то́ном** омирона гап за-дан 3. *(очень разборчивый в чём-л.)* нозуктабиат, сернозунуз, инҷиқ

тре́бовать *несов.* 1. *что, чего, с сою-зом «чтобы», с неопр. и без доп.* талаб (иддао, тақозо) кардан, хостан; ~ **про́пуск** рухсатнома талаб кардан; ~ **объясне́ний** эзоҳ талаб кардан 2. *чего* талабидан, талаб кардан; **посе́вы тре́буют ухо́да** кишт нигоҳубинро та-лаб мекунад 3. *кого-что* чеғ задан, даъ-ват кардан; **его́ тре́бует дире́ктор** дирек-тор уро назди худ даъват мекунад

тре́б||оваться *несов.* 1. даркор (ло-зим, зарур, матлуб) будан; **заво́ду** ~**уются рабо́чие** ба завод коргар даркор // *безл.* даркор, лозим, зарур аст; ~**уется, что́бы он вы́ехал неме́дленно** зарур аст, ки у фавран равад; **что и** ~**овалось доказа́ть** барои исбот маҳз ҳамин чиз лозим буд 2. *страд.* талаб карда шудан

требуха́ *ж* шикамба на рудаҳои ҳайвони кушташуда

требуши́на *ж прост. см.* **требуха́**

трево́г||а *ж* 1. ҳаяҷон, изтироб; **его́ охвати́ла** ~**а** уро ҳаяҷон фаро гирифт; **быть в** ~**е** дар ҳаяҷон будан 2. воҳима, таҳлука, валвала, ҳаросонӣ; **подня́ть** ~**у** воҳима кардан 3. бонги хатар; **возду́шная** ~**а** бонги хатари ҳавоӣ; **пожа́рная** ~**а** бонги хатари сухтор; **бить** ~**у** бонги хавотир задан

трево́жи||ть *несов.* 1. *кого-что* хавотир кардан, ба ҳаяҷон овардан, ба изтироб андохтан, безобита (мушавваш) кардан; **меня** ~**т его́ отсу́тствие** набудани вай хотирамро парешон карда истодааст 2. *кого-что* халал расондан, ташвиш додан, асабонӣ кардан, ранҷондан; **шум** ~**т больно́го** ғалоғула беморро асабонӣ мекунад 3. *что* озурда кардан, дард кунондан; дарду аламро тоза кардан; ~**ть больну́ю но́гу** пои дарднокро озор додан ◇ ~**ть чьё-л. воображе́ние** касеро ба ташвишу тараддуд монондан

трево́ж||иться *несов.* 1. хавотир шудан, ба ҳаяҷон омадан, музтариб шудан, безобита (мушавваш) шудан; **не** ~**ьтесь о нём** аз вай хавотир нашавед 2. заҳмат (ташвиш) кашидан 3. *страд.* ба ҳаяҷон оварда шудан

трево́жно 1. *нареч.* ҳаяҷоноварона, бо ҳаяҷон, бо изтироб 2. *в знач. сказ. безл. чаще кому-чему* ҳаяҷоновар (пуризтироб) аст; **на душе́ у меня** ~ дилам нотинҷ [аст] 3. *в знач. сказ. безл.* пурхатар (хатарнок) аст; **на фронта́х** ~ дар фронтҳо вазъият хатарнок аст

трево́жность *ж* пурҳаяҷонӣ, пуриз-тиробӣ; хатарнокӣ

трево́жн||ый, -ая, -ое (трево́ж|ен, -на, -но) 1. пурҳаяҷон, ҳаяҷонбахш, ҳаяҷоновар, пуризтироб; ~**ое состоя́ние** вазъияти пурҳаяҷон; ~**ые мы́сли** фикрҳои ҳаяҷонбахш; ~**ый взгляд** нигоҳи ҳаяҷоновар; ~**ые слу́хи** овозаҳои ҳаяҷоновар 2. хатарнок, даҳшатнок; ~**ые дни** рузҳои даҳшатнок *тк. полн. ф.* ...и хатар, ...и хавф; ~**ый гудо́к** бонги хавотир

треволне́ние *с* ҳаяҷон, изтироб, ташвиш

трегла́вый, -ая, -ое *см.* **трёхглавый**

тред-юнио́н *м* тред-юнион *(иттифо-қи касабавӣ дар Англия)*

тред-юниони́зм *м* тред-юнионизм *(ҷараёни оппортунистӣ дар ҳаракати коргарӣ, ки мубоpизаро бо талаботи иқтисодӣ маҳдуд мегардонад)*

тред-юниони́ст *м* тред-юниончӣ

тред-юниони́стск||ий, -ая, -ое тред--юнионистӣ, ...и тред-юнионизм, ...и тред-юниончӣ; ~**ая поли́тика** сиёсати тред-юнионистӣ

тре́звенник *м разг.* шароббезор

трезвенность *ж см.* **трезвость** 1, 3

трезвенный, -ая, -ое *прост. см.* **трезвый**

трезветь *несов.* 1. ҳушьёр шудан, ба худ омадан 2. *перен.* дурандеш шудан

трезвить *несов. кого-что и без доп.* 1. ҳушьёр кардан, ба худ овардан 2. *перен.* дурандеш кардан

трезво *нареч.* оқилона; ~ **рассуждать** оқилона муҳокима рондан

трезвон *м* 1. занги ноқус; занги зангула 2. хониши мурғон 3. *перен. разг. (толки)* миш-миш, овоза; ғайбат // *(шум, скандал)* ғалоғула, шавқун, валвала, тупаланг, ғавғо, ҷанҷол ◇ **задать** ~ (~у) **кому-л.** *прост.* касеро танбеҳ додан

трезвонить *несов.* 1. зангулаҳоро якбора задан // дуру дароз занг задан, дуру дароз ҷарангос задан; ~ **в дверь** занги дарро дуру дароз ҷарангос занондан 2. *что и без доп. перен. разг.* миш-миш ангехтан, овоза кардан ◇ ~ **во все колокола** *прост.* ҷор андохтан, овоза кардан

трезвость *ж* 1. ҳушьёрӣ 2. шаробнохӯрӣ, майбезорӣ 3. *перен.* солимақлӣ, солимидрокӣ, бошуурона будан(и); ~ **суждений** бошуурона будани муҳокимаҳо

трезвучие *с муз.* сеовозагӣ *(бо як оҳанг ҷӯршавии се овози мусиқӣ)*

трезв||ый, -ая, -ое (трезв, -а, -о) 1. ҳушьёр; **в** ~**ом состоянии** дар ҳушьёрӣ 2. *разг. (не пьющий)* майнохӯр, шаробнохӯр 3. *перен.* солимақл, солимидрок, оқил, бамулоҳиза, дурандеш, бошуур(она); **человек** ~**ого ума** солимақл; ~**ый ум** ақли солим

трезубец *м* соскан

трезубый, -ая, -ое сешоха, седандона

трек *м* 1. *спорт.* трек *(роҳи махсуси мудаввар барои пойга ё велосипедронӣ)*; **велосипедный** ~ роҳи пойгаи велосипеди 2. *физ.* трек *(изи зарраҳо дар фотоэмульсия)*

треклятый, -ая, -ое *прост.* ҳаромӣ

трелевать *несов. что лес.* чӯбкашонӣ кардан

трелеваться *несов. страд.* чӯбкашонӣ карда шудан

трелёвка *ж (по знач. гл.* **трелевать**) чӯбкашонӣ

трелёвочный, -ая, -ое *лес.* ...и чӯбкашонӣ, чӯбкаш; ~ **трактор** трактори чӯбкаш

трелёвщик *м лес.* чӯббур; чӯбкашон

трел||ь I *ж* чаҳ-чаҳ, марғула; ~**и соловья** чаҳ-чаҳи булбул

трель II *ж лес.* роҳи чӯбкашонӣ

трельяж *м* 1. оинаи сетабақа 2. панҷара *(барои растаниҳои печон)*

трембита *ж муз.* трембита *(карнайи гуцулҳо)*

тремоло *с нескл. муз.* тремоло, резнавозӣ

тремор *м мед.* иртиош; ларзонакшавӣ

трен *м уст.* трен *(домани заминрӯб)*

тренаж *м* тренаж, машқ, варзиш; **балетный** ~ машқи ракс; **цирковой** ~ машқи бозингарони цирк

тренажёр *м* тренажёр, дастгоҳи машқ

тренер *м* тренер, муаллими варзиш; ~ **по волейболу** тренери волейболбозӣ

тренерск||ий, -ая, -ое ...и тренер, тренерӣ, ...и муаллими варзиш; ~**ая работа** кори тренерӣ

трензель *м* сулуқ

трензельный, -ая, -ое ...и сулуқ

трени||е *с* 1. соиш, молиш; ~**е частей машины** соиши қисмҳои мошин; **коэффициент** ~**я** коэффициенти соиш 2. *чаще мн.* **трения** *перен.* низоъ, ихтилоф, мухолифат

тренинг *м спорт.* тренинг, машқ, варзиш; ~ **лошадей** машқдиҳии аспҳо; ~ **борца** машқи гуштигир

тренированность *ж* омухта будан(и), машқ дида будан(и)

тренированн||ый, -ая, -ое *прич., прил.* машққарда, пухта, машқдида; ~**ый спортсмен** варзишгари пухта; ~**ые мышцы** мушакҳои пухта

тренировать *несов. кого-что* машқ додан, варзиш кунондан, малака ҳосил кунондан, одат кунондан; ~ **волейбольную команду** командаи волейболбозонро машқ додан; ~ **охотничью собаку** саги шикориро омухта кардан; ~ **память** ҳофизаро машқ додан; ~ **тело** баданро варзиш додан

тренироваться *несов.* 1. машқ (варзиш) кардан; **регулярно** ~ мунтазам машқ карда гаштан 2. *страд.* машқ дода шудан

тренировка *ж* машқдиҳӣ, машққунӣ, варзишкунӣ; машққунонӣ, варзишкунонӣ; ~ **гимнастов** машқдиҳии гимнастҳо; **футбольная** ~ машқи футбол

тренировочн||ый, -ая, -ое машқӣ, ...и машқ, ...и варзиш; ~**ый полёт** *ав.* парвози машқӣ; ~**ая площадка** майдончаи машқ

тренога *ж* 1. *см.* **треножник**; 2. *(путы)* тотура, тушоқ

треногий, -ая, -ое сепоя; ~ **столик** мизчаи сепоя

треножить *несов. кого* тотура задан, тушоқ кардан

треножник *м* сепоя

тренчик *м (ремешок)* тасмача

трень-брень *межд. звукоподр.* диринг-диринг, тинг-тинг

треньканье *с (по знач. гл.* **тренькать**) диринг-диринг (динг-динг, тинг-тинг) кардан(и); *(звуки)* диринг-диринг, динг-динг, тинг-тинг; ~ **бубенцов** динг-динги зангӯлаҳо

тренька||ть *несов. разг.* 1. диринг-диринг (динг-динг, тинг-тинг) навохтан, тиринг-тиринг задан; ~**ть на балалайке** балалайкаро тинг-тинг навохтан 2. *(звенеть)* ҷингирос задан, ҷингир-ҷингир кардан; **колокольчики** ~**ют** зангулачаҳо ҷингирос мезананд

трёп *м см.* **трепотня**

трепак *м* трепак *(рақси шӯхи русӣ ва мусиқии он)*; **плясать** ~**а** трепак рақсидан

трепалка *ж* ҳаллоҷӣ, наддофӣ

трепало *с* 1. *см.* **трепалка**; 2. шонаи мошини халлоҷӣ (наддофӣ)

трепальный, -ая, -ое ...и ҳаллоҷӣ, ...и наддофӣ; ~ **станок** дастгоҳи наддофӣ

трепальня *ж* корхонаи наддофӣ (ҳаллоҷӣ)

трепальщик *м* наддоф, ҳаллоҷ, титкунанда

трепальщица *женск. к* **трепальщик**

трепанация *ж мед.* трепанация, сурохкунии устухон; ~ **черепа** сурохкунии косаи сар

трепанг *м зоол.* трепанг *(ҳайвони баҳрии хорпӯсти хурданбоб)*

трепание *с (по знач. гл.* **трепать** 1—3, 5—8) ҳаллоҷӣ кардан(и), наддофӣ кардан(и), ғозкунӣ; ~ **льна** ғозкунии зағирпоя

трепанировать *сов., несов. кого-что мед.* трепанация кардан, сурох кардан

трепанироваться *несов. страд.* трепанация карда шудан

трёпанный *прич.* (трёпан, -а, -о) наддофӣ (ғоз) кардашуда

трёпан||ый, -ая, -ое 1. наддофӣ, ғозшуда; ~**ая шерсть** пашми наддофӣ 2. *разг.* нимдошт, кӯҳна; ~**ое пальто** пальтои нимдошт 3. *(непричёсанный)* пахмоқ, ҷулида, фатила, парешон

трепать *несов.* 1. *что* пахмоқ кардан, фатила кардан, титу парешон кардан; **ветер треплет волосы** шамол мӯйро титу парешон мекунад 2. *кого-что разг.* кашидан; шатта задан, лат кардан; ~ **за волосы** аз мӯй дошта кашидан 3. *кого-что по чему* тап-тап задан, бо даст навозишкунон задан; ~ **кого-л. по плечу** ба китфи касе тап-тап задан 4. *кого разг.* ларзондан, дарақ-дарақ ларзондан; **его треплет лихорадка** вараҷа уро дарақ-дарақ ларзонда истодааст 5. *что разг.* шалақ кардан, фарсуда кардан, даррондан; ~ **обувь** пойафзолро пушида даррондан 6. *кого-что перен. разг.* баҳудаву беҳуда такрор кардан, ҳар замон такрор кардан; ~ **чьё-л. имя** баҳудаву беҳуда номи касеро ба забон бурдан 7. *о ком-чём, про кого-что и без доп. перен. груб. прост.* ёва (сафсата, ҳарза) гуфтан, лаққидан, манаҳ задан 8. *что* наддофӣ кардан; ғоз кардан; ~ **коноплю** канабпояро ғоз кардан ◇ ~ **кому-л. нервы** майнаи касеро турш кардан; ~ **языком** гапфурӯшӣ кардан

трепаться *несов.* 1. *(развеваться)* лаппидан, ҳилпиррас кардан 2. *разг. (изнашиваться)* шалақ шудан, суда (фарсуда, кӯҳна) шудан 3. *прост. (шататься без дела)* сарсарӣ гаштан, овораґардӣ кардан, саланг-саланг гаштан 4. *груб. прост. (болтать)* лаққидан 5. *страд.* ғоз карда шудан

трепач *м груб. прост.* лаққӣ

трепачка *женск. к* **трепач**

трепел *м стр., тех.* регсанг

трепельный, -ая, -ое ...и регсанг

трепет *м* 1. ларза, тапиш, лаппиш; ~ **сердца** тапиши дил // *(мерцание)* милт-милт, йилт-йилт; ~ **огня** милт-милти алав 2. *(волнение)* ҳаяҷон, изтироб; **с** ~**ом** бо изтироб; **привести кого-л. в** ~ касеро ба ҳаяҷон овардан 3. *перен.* тарс, воҳима, даҳшат, бим,

хавф; **наводить ~ на кого-л.** касеро ба даҳшат овардан

трепета́ние *с* (*по знач. гл.* **трепетать**) ларзиш, тапиш, лаппиш, ҷунбиш; милт-милткунӣ; **~ ли́стьев** ларзиши баргҳои дарахт; **~ се́рдца** тапиши дил

трепета́ть *несов.* 1. ларзидан, тапидан, лаппидан, ҷунбидан, ҳилпирос задан; **листва́ трепе́щет от ветра** баргҳои дарахт аз шамол меларзанд // *(мерцать)* милт-милт (йилт-йилт) кардан, тофтан; **вдали́ трепета́ли огоньки́ ла́геря** аз дур чароғони лагер милт-милт мекарданд 2. ба хаяҷон омадан; **~ от восто́рга** аз шавқ ба хаяҷон омадан; **~ от гне́ва** аз хашм ба ларза даромадан; **у него́ се́рдце трепе́щет** дилаш гум мезанад 3. *перед кем-чем, при ком-чём перен.* ларзидан, тарсидан; **~ перед нача́льником** дар ҳузури сардор ба хаяҷон омадан 4. *за кого-что и без доп. (беспокоиться)* хавотир шудан, нороҳат будан

трепета́ться *несов. разг. см.* **трепета́ть** 1

тре́петно *нареч.* 1. *(взволнованно)* мушаввашона, бо хаяҷон 2. *(робко)* бо тарс, буздилона

тре́петн||ый, -ая, -ое (тре́пет|ен, -на, -но) 1. ларзон, тапанда, лаппанда, ҷунбон, ҷунбанда, ҷунбонак; **~ая тень** суроби ларзон *(мерцающий)* милт-милткунанда, ларзон; **~ый ого́нь** оташи милт-милткунанда 2. ошуфта, мушавваш, пурхаяҷон, пуризтироб; **~ый го́лос** овози мушавваш; **~ое ожида́ние** интизории пуризтироб; **~ый поцелу́й** бусаи пурхаяҷон 3. *(робкий)* тарсончак, буздил

трёпк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **трепать** 1—3, 5, 6, 8) наддофӣ кардан(и), гозкунӣ; фарсуда кардан(и) 2. *прост. (побои)* шаттазанӣ, лат, шаллоқ; *(нагоняй)* гушмол, сарзаниш, танбеҳ; **зада́ть ~у** лат кардан; танбеҳ кардан ◇ **~а нервов** вайрон кардани асаб

трепли́вый, -ая, -ое (трепли́в, -а, -о) *груб. прост.* серҷоғ, серманаҳ, лаққӣ

трепло́ *с* 1. *обл. см.* **трепа́лка**; 2. *груб. прост.* серҷоғ, серманаҳ, лаққӣ

трепотня́ *ж груб. прост.* ҷоғзанӣ, манаҳзанӣ, лаққигӣ

трепыха́ние *с* (*по знач. гл.* **трепыхать** *и* **трепыха́ться**) ларзиш, тапиш, парпапакзанӣ

трепыхать *несов. см.* **трепыха́ться**

трепыха||ться *несов. разг.* 1. патаррос (парпанак) задан, тапидан; **рыба ~ется на берегу́** моҳӣ дар соҳил патаррос мезанад // *(колебаться)* лаппидан, алвонҷ хурдан / *(мерцать)* милтос задан, йилт-йилт (милт-милт) кардан 2. *перен.* ба ҳаяҷон омадан, асабонӣ шудан

треск *м* 1. карсос, карс-курс, қасар-қусур, чарс-чурс, чиррос; **~ су́чьев** карс-курси шоххои дарахт; **~ выстрелов** қарсоси милтиқ // *(птиц, насекомых)* чуғур-чуғур, чир-чир 2. *перен. разг.* ғалоғула, шавқун, хаёху, тупаланг ◇ **с ~ом провали́ться** шарманда (расво) шудан

треска *ж зоол.* равғанмоҳӣ

тре́скание *с* (*по знач. гл.* **тре́скаться** 1) кафиш, муяк рафтан(и)

тре́скать I *несов. см.* **треснуть** 4

тре́скать II *несов. что и без доп. груб. прост.* ҳарисона хурдан, мурданивор хурок хурдан

тре́ска||ться I *несов.* кафидан, муяк рафтан; **потолок ~ется** сақфи хона кафида истодааст

тре́скаться II *несов. см.* **тре́снуться**

тресковый, -ая, -ое 1. ...и равғанмоҳӣ 2. *в знач. сущ.* **тресковые** *мн. зоол.* равғанмоҳиҳо

трескотня *ж разг.* 1. карс-курс, қасар-қусур, чарс-чурс; **~ пулемётов** касар-кусури пулемётҳо // *(птиц, насекомых)* чуғур-чуғур, чир-чир 2. *перен.* сафсата, харза, гапҳои беҳуда

треску́ч||ий, -ая, -ее (трескуч, -а, -е) *разг.* 1. карс-курскунанда, қасар-қусуркунанда 2. *перен.* тумтароқ, дабдабанок, серкарруфар; **~ие фразы** гапҳои тумтароқ ◇ **~ий моро́з** сармои қаҳратун

тре́снутый, -ая, -ое (треснут, -а, -о) *разг.* 1. кафида, кафидагӣ, таркида, муякрафта; **~ стакан** стакани кафида 2. *тк. полн. ф. (дребезжащий — о голосе)* ларзон, хиррӣ, гирифта

тре́сну||ть *сов.* 1. *однокр. к* **трещать** 1; 2. кафидан, торс кафидан; **стака́н ~л** стакан кафид 3. *перен. разг.* шикаст хурдан, зарар кашидан, нобуд шудан 4. *кого-что, чем по чему прост.* шарти задан, сахт задан, куфтан; **~ть кулако́м по́ столу** руи столро бо мушт шарти задан ◇ **~ть со смеху** *прост.* аз ханда рудакан шудан; **хоть тре́сни** *прост.* мурӣ ҳам, кафида мурӣ ҳам

тре́снуться *сов. чем и без доп. прост.* туққи карда худро задан, сахт бархурдан

трест *м* трест (1. *дар СССР — иттиҳоди муассисаҳое, ки аз ҷиҳати маҳсулот ва ё аз ҷиҳати тарзи кор кардани моли хоҳ ба ҳамдигар наздиканд* 2. *эк. дар ҷамъияти капиталистӣ — иттиҳоди монополии якчанд муассисаҳо, ки ҳамаи амалиёти тиҷоратӣ ва истеҳсолии онҳо аз тарафи як идораи марказӣ идора карда мешавад*)

треста́ *ж с.-х. (вымоченные стебли конопли)* зағирпояи хесида

тре́стовский, -ая, -ое ...и трест, трести; **~ капита́л** капитали трест

трете́йский, -ая, -ое ҳакамӣ, ...и ҳакам; **~ суд** суди ҳакамӣ

тре́т||ий, -ья, -ье 1. *числ.* сеюм, саввум; **~ья страница** саҳифаи сеюм; **~ий час** соат аз ду гузаштааст 2. бетараф, холис; **реше́ние спора ~ьим лицо́м** ҳалли баҳс ба воситаи шахси бетараф 3. сеюмдараҷа; сеюм, паст, бесифат, бад; **~ий сорт** навъи сеюм 4. *в знач. сущ.* **тре́тье** *с (десерт)* хазми таом 5. *в знач. сущ.* **третья** *ж* сеяк; **две ~ьих** аз ду се ◇ **~ий звонок** 1) *уст.* занги сеюм *(пеш аз ба ҳаракат даромадани поезд)*; 2) занги сеюм *(пеш аз сар шудани тамошои кино ё театр)*; **~ье отделе́ние** *ист.* шуъбаи сеюм *(муассисаи снёсии хуфия дар Россияи подшоҳӣ)*: **~ье поколе́ние** насли сеюм; **~ье сосло́вие** *ист.* омиҳо, фуқаро; **~ьего дня** парируз; **в ~ьем году́** перорсол; **в ~ьем лице** (говорить, писать) аз номи шахси сеюм (гап задан, навиштан); **в ~ьи ру́ки** (отдать, передать *и т. п.*) ба шахси (ба каси) сеюм (додан *ва г.*); **из ~ьих рук** (узнать, услышать *и т. п.*) ба воситаи шахси сеюм (фаҳмидан, шунидан *ва г.*); **до ~ьих петухо́в** саҳарӣ, субҳдам; **с ~ьими петухами** пагоҳии барвақт

трети́рование *с* (*по знач. гл.* **трети́ровать**) нописанд (беписанд) кардан(и)

третирова́ть *несов. кого-что* нописанд (беписанд) кардан, писанд накарда муомила кардан

трети́роваться *несов. страд.* нописанд карда шудан

трети́чн||ый, -ая, -ое сеюм, сеюмдараҷа, ...и давраи сеюм; **~ый период** *геол.* давраи сеюм; **~ые отложе́ния** *геол.* таҳнишинҳои давраи сеюм

третни́к *м тех.* хулаи сеяк *(омехтае, ки ду қисмаш қалъагӣ ва як қисмаш қурғошим аст)*

треть *ж* сеяк; **~ го́да** сеяки сол; **~ урожая** сеяки ҳосил

третье- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сеюм»:* **третьесортный** ...и навъи сеюм

третьёводни *нареч. прост.* парирӯз, парер

третьегоди́чный, -ая, -ое ...и перорсол, перорсола

третьего́дняшний, -яя, -ее *уст.* парируза, парирузагӣ, парерина

третьекла́ссник *м* талабаи синфи сеюм

третьекла́ссница *ж* толибаи синфи сеюм

третьекла́ссный, -ая, -ое 1. ...и синфи сеюм, ...и разряди сеюм 2. *перен.* миёна, оддӣ

третьеку́рсник *м* талабаи курси сеюм

третьеку́рсница *ж* толибаи курси сеюм

третьеочередн||о́й, -ая, -ое сеюмдараҷа, камаҳамият; **~о́е де́ло** кори сеюмдараҷа

третьеразря́дник *м* варзишгари разряди сеюм

третьеразря́дница *ж* варзишгардухтари разряди сеюм

третьеразрядный, -ая, -ое 1. ...и разряди сеюм, ...и дараҷаи сеюм, сеюмдараҷа 2. *перен.* одмиёна; **~ писатель** нависандаи одмиёна

третьесо́ртный, -ая, -ое 1. ...и навъи сеюм, ...и хели сеюм; **~ товар** моли навъи сеюм 2. *перен.* миёна, оддӣ, муқаррарӣ

третьестепе́нн||ый, -ая, -ое 1. сеюмдараҷа, ...и дараҷаи сеюм, камаҳамият; **~ая роль** роли сеюмдараҷа 2. *перен.* одмиёна; **~ый актёр** актёри одмиёна

третья́к *м с.-х.* гунан, гусолаи (той) сесола

треуго́лка *ж* кулоҳи секунҷа

треугольник *м* 1. *мат.* сегӯша, секунҷа; **прямоугольный** ~ секунҷаи росткунҷа; **равносторонний** ~ секунҷаи баробартараф; **равнобедренный** ~ секунҷаи баробарпаҳлу 2. *муз.* сезарб *(як навъи асбоби мусиқии зарбии секунҷашакл)* 3. *разг.* роҳбарияти сегона *(номи умумии се каси роҳбарикунанда дар идора, муассиса: директор, котиби ташкилоти партияви ва раиси ташкилоти касаба)*

треугольн||ый, -ая, -ое секунҷа, секунҷашакл; ~**ая шляпа** кулоҳи секунҷа

треух *м* кулоҳи гарми гӯшакдор

трефной, -ая, -ое мамнуъ, ҳаром, макруҳ *(дар дини яҳудиён дар бораи хӯрок)*

трефов||ый, -ая, -ое чилликхол, ...и чиллик; ~**ая масть** моси чилликхол, моси чиллик; ~**ый туз** зоти чиллик

трефы *мн. карт.* қартаи чилликхол

трёх= *см.* **тре**=

трёхактн||ый, -ая, -ое сепардагӣ; ~**ая пьеса** пьесаи сепардагӣ

трёхбалльн||ый, -ая, -ое 1. *(о ветре)* себалла, себаллӣ; ~**ый ветер** шамоли себалла 2. себалла, себаллӣ; ~**ая система оценок** системаи себаллии баҳо

трёхвёрстка *ж разг.* харитаи сечақрима *(харитаи географие, ки як дюйми он баробари се чақрим аст)*

трёхвёрстн||ый, -ая, -ое сечақрима, сечақримӣ; ~**ая дистанция** роҳи сечақрима; ~**ая карта** харитаи сечақрима

трёхглав||ый, -ая, -ое сесара, секалла; сегунбаза; ~**ый змей** мори сесара; ~**ая церковь** калисои сегунбаза; ~**ая мышца** *анат.* мушаки сесара

трёхгодичн||ый, -ая, -ое сесола; ~**ые курсы** курсҳои сесола

трёхгодовалый, -ая, -ое сесола; ~ **ребёнок** кудаки сесола

трёхгодовой, -ая, -ое *см.* **трёхгодичный**

трёхголосный, **трёхголосый**, -ая, -ое сеовоза

трёхгранник *м* серуя

трёхгранный, -ая, -ое 1. серуя, сепаҳлу; ~ **напильник** суҳони серуя 2. *мат.* серуя; ~ **угол** кунҷи серуя

трёхдневный, -ая, -ое серуза; ~ **срок** муддати серуза; ~ **запас продовольствия** захираи серузаи озуқа

трёхдольн||ый, -ая, -ое секисма, серукна; ~**ые стихотворные размеры** вазнҳои серукнаи шеър

трёхдюймовка *ж разг.* 1. тупи седюйма 2. тахтаи седюйма

трёхдюймов||ый, -ая, -ое седюйма; ~**ая доска** тахтаи седюйма; ~**ое орудие** тупи седюйма

трёхзначн||ый, -ая, -ое сеадада; ~**ое число** рақами сеадада

трёхкилометровка *ж разг.* харитаи секилометра *(харитаи географие, ки як сантиметри он баробари се километр аст)*

трёхкилометров||ый, -ая, -ое секилометра, секилометрӣ; ~**ая дистанция** масофаи секилометра; ~**ая карта** харитаи секилометра

трёхклассный, -ая, -ое сесинфа

трёхколёсный, -ая, -ое сечарха; ~ **велосипед** велосипеди сечарха

трёхкомнатный, -ая, -ое сехонагӣ, сехонадор, сеутоқа

трёхкопеечн||ый, -ая, -ое сетина, сетинӣ; ~**ая монета** пули сетинӣ; ~**ая марка** маркаи сетинӣ

трёхкрасочн||ый, -ая, -ое серанга; ~**ый плакат** плакати серанга; ~**ая машина** *полигр.* мошини чопии серанга

трёхкратн||ый, -ая, -ое секарата, себора, сечандӣ; ~**ое снижение цен** себора фуровардани нархҳо

трёхлетие *с* 1. *(срок)* се сол, муддати сесола 2. *(годовщина)* сесолагӣ, ҷашни сесолагӣ

трёхлетка *ж разг.* сесола

трёхлетний, -яя, -ее сесола; ~ **жеребёнок** тои сесола

трёхлеток *м* сесола

трёхлинейка *ж разг.* милтиқи панҷтира

трёхлинейн||ый, -ая, -ое панҷтира; ~**ая винтовка** милтиқи панҷтира

трёхмастный, -ая, -ое серанг *(оид ба ранги мӯи ҳайвонот)*

трёхмачтов||ый, -ая, -ое сесутуна; ~**ое судно** киштии сесутун

трёхмерность *ж* сеандозагӣ, сеченака будан(и)

трёхмерный, -ая, -ое 1. сеандоза, сеченака 2. *муз.* сепардагӣ; ~ **такт** зарби сепардагӣ

трёхместный, -ая, -ое секаса, сеҷоя; ~ **самолёт** самолёти сеҷоя

трёхмесячный, -ая, -ое семоҳа; ~ **запас продовольствия** захираи семоҳаи озуқа; ~ **жеребёнок** тои семоҳа

трёхмоторный, -ая, -ое семотора; ~ **самолёт** самолёти семотора

трёхнедельн||ый, -ая, -ое сеҳафтаина; ~**ая поездка** сафари сеҳафтаина; ~**ый запас продовольствия** захираи сеҳафтаинаи озуқа

трёхногий, -ая, -ое *см.* **треногий**

трёхоска *ж разг.* сетира, мошини боркаши шашчарха

трёхосный, -ая, -ое ...и сетира, шашчарха

трёхпалубн||ый, -ая, -ое сесаҳн; ~**ое судно** киштии сесаҳндор

трёхпал||ый, -ая, -ое 1. сеангушта; ~**ые конечности** дасту пойҳои сеангушта 2. *як қисми таркиби номи баъзе ҳайвонот ва паррандаҳо:* ~**ый дятел** эзорсурхаки сепанҷа; ~**ая чайка** моҳихӯраки сечангола

трёхперстный, -ая, -ое *см.* **троеперстный**

трёхполье *с с.-х.* киштгардони сеқитъагӣ

трёхпольный, -ая, -ое *с.-х.* сеқитъагӣ; ~ **севооборот** киштгардони сеқитъагӣ

трёхпроцентный, -ая, -ое сефоиза; ~ **доход** даромади сефоиза; ~ **заём** заёми сефоиза; ~ **раствор** маҳлули сефоиза

трёхпудов||ый, -ая, -ое сепуда; ~**ая гиря** санги сепуда // *разг. (тяжёлый)* бисьёр (аз ҳад) вазнин

трёхразов||ый, -ая, -ое себора; ~**ое питание** хӯроки себора

трёхрублёвка *ж разг.* сесӯма, сесӯми

трёхрублёв||ый, -ая, -ое сесӯма, сесӯмӣ; ~**ая бумажка** пули сесӯма; ~**ая ткань** матои сесӯма

трёхрядка *ж разг.* гармони сеқатора

трёхрядн||ый, -ая, -ое *в разн. знач.* сеқатора; ~**ая клёпка** парчини сеқатора; ~**ая гармонь** гармони сеқатора; ~**ая сеялка** тухмипошаки сечашма

трёхсложн||ый, -ая, -ое *лингв.* сеҳиҷоӣ; ~**ое слово** калимаи сеҳиҷоӣ

трёхсменка *ж разг.* кори сенавбата (сесменагӣ)

трёхсменн||ый, -ая, -ое сенавбата, сесменагӣ; ~**ая работа** кори сенавбата

трёхсотлетие *с* 1. *(срок)* се сад сол, муддати сесадсола 2. *(годовщина)* сесадсолагӣ; ~ **города** сесадсолагии [таъсиси] шаҳр

трёхсотлетн||ий, -яя, -ее сесадсола; ~**ий период** давраи сесадсола; ~**яя годовщина** ҷашни сесадсолагӣ

трёхсот||ый, -ая, -ое *числ.* сесадум; ~**ая страница** саҳифаи сесадум

трёхстволка *ж* милтиқи семила

трёхствольн||ый, -ая, -ое семила; ~**ое ружьё** милтиқи семила

трёхстворчат||ый, -ая, -ое сетабақа; ~**ое окно** тирезаи сетабақа

трёхстепенн||ый, -ая, -ое седараҷагӣ; ~**ые выборы** интихоботи седараҷагӣ

трёхстишие *с* мусаллас

трёхстопный, -ая, -ое *лит.* серукна; ~ **размер** вазни серукна

трёхсторонн||ий, -яя, -ее 1. сетарафа 2. сетарафа, сегона; ~**ее соглашение** шартномаи сетарафа

трёхструнн||ый, -ая, -ое сетора, сеторӣ; ~**ая балалайка** балалайкаи сетора

трёхступенчат||ый, -ая, -ое сезина; ~**ая ракета** ракетаи сезина

трёхсуточный, -ая, -ое серуза, сешабонарӯза; ~ **поход** сафари серуза; ~ **паёк** хӯрокворӣ серуза

трёхтактн||ый, -ая, -ое 1. *муз.* сезарба; ~**ая пауза** фосилаи сезарба 2. *тех.* сетакта; ~**ый двигатель** муҳаррики сетакта

трёхтомник *м разг.* [китоби] сеҷилда

трёхтомный, -ая, -ое сеҷилда, сеҷилдӣ

трёхтонка *ж разг.* мошини боркаши сетоннагӣ

трёхтонн||ый I, -ая, ое 1. серанга; ~**ая ткань** матои серанга 2. сеовоза, сесадоӣ

трёхтонный II, -ая, -ое сетоннагӣ, сетонна; ~ **груз** бори сетоннагӣ; ~ **грузовик** мошини боркаши сетоннагӣ

трёхтысячный, -ая, -ое 1. *числ.* сеҳазорум 2. сеҳазорнафара; ~ **отряд** отряди сеҳазорнафара 3. *разг.* сеҳазорсӯма

трёхфа́зный, -ая, -ое 1. *филос.* сефазагӣ, сефаза, седавра 2. *эл.* сефаза, сефазагӣ; ~ трансформатор трансформатори сефазагӣ

трёххво́стка *ж разг.* қамчини сенуга

трёхцве́тн||ый, -ая, -ое серанга; ~ый флаг байрақи серанга; ~ая репроду́кция *фото* сурати серанга

трёхчасов||о́й, -а́я, -о́е сесоата, сесоатина; ~о́е собра́ние маҷлиси сесоата; ~о́й запа́с горю́чего захираи сесоатинаи сузишворӣ // *разг.* ...и соати се, соати се мерафтагӣ: уехать ~ым по́ездом бо поезди соати се мерафтагӣ ба роҳ баромадан

трёхчле́н *м мат.* сеузва

трёхчле́нн||ый, ая, -ое *мат.* сеузва; ~ое уравне́ние муодилаи сеузва

трёхъязы́чный, -ая, -ое сезабона; ~ слова́рь луғати сезабона

трёхъя́русный, -ая, -ое 1. сетабақа, сеошьёна; ~ дом хонаи сеошьёна 2. *перен. прост.* болохонадор; дастабиринҷӣ

трёшка *ж прост. см.* трёхрублёвка

трёшник *м* 1. *уст. и обл.* пули сетина 2. *уст.* тангаи яктиини нуқра

трёшница *ж* 1. *прост. см.* трёхрублёвка; 2. *см.* трёшник

треща́ние *с* (*по знач. гл.* треща́ть 1, 2) қарс-қурс (қасар-қусур) карда-н(и); (*звуки*) қарс-қурс; чир-чир; ~ кузне́чиков чир-чири малах

трещ||а́ть *несов.* 1. қарс-қурс (қасар-қусур) кардан, шақаррос (шатаррос) задан; лёд ~и́т ях қарс-қурс мекунад // (*о птицах, насекомых*) чуғур-чуғур кардан, чир-чир кардан 2. *перен. разг.* шақ-шақ кардан, лақкидан, беист гап задан 3. *перен. разг.* сахт дард кардан, торс кафидан; голова́ ~и́т сарам аз дард торс кафида истодааст 4. *перен.* (*быть накануне краха*) дар дами шикаст будан ◇ ~а́ть по [всем] шва́м тамоман абгор шудан; карма́н ~и́т *у кого* киса хароб шуда истодааст, ҳамьёи касал; ест (упи́сывает), аж (так что) за уша́ми ~и́т дулунча мехӯрад

тре́щин||а *ж* 1. шикоф, тарқиш, чок кафида; го́рная ~а шикофи кӯҳ; в стене́ образова́лась ~а девор кафид 2. *перен.* завол, шикаст, хунукӣ, ихтилоф, нифоқ; их дру́жба дала́ ~у дар байни ин дустон хунукӣ афтод

тре́щинка *ж уменьш. к* тре́щина 1

трещинова́тость *ж горн.* сертарқишӣ, пуршикоф будаи(и); ~ го́рных поро́д сертарқишии санги маъдан

трещинова́тый, -ая, -ое (трещиноват, -а, -о) *горн.* сертарқиш, пуршикоф; ~ грани́т хорои сертарқиш

трещо́тка *ж* 1. шақилдоқ, шақшақа 2. *перен. разг.* лаққӣ, серҷоғ

три *числ.* 1. се; три́жды ~ — де́вять се карат се — нуҳ 2. *шк.* баҳои се ◇ два-три, две-~ ду-се; в ~ ру́чья пла́кать (рыда́ть) шаш қатор ашк рехтан; в ~ ше́и гнать (выгоня́ть, выта́лкивать) *груб. прост.* зада ҳай кардан; с ~ коро́ба наговори́ть (наобеща́ть) як дуньё гап задан, як ароба ваъда додан; ҷувол-ҷувол ваъда додан; гну́ть (согну́ть) в ~ дуги́ (в ~ поги́бели) таки по кардан; гну́ться (согну́ться) в ~ дуги́ (в ~ поги́бели) бо нуги бинӣ хат кашидан; заблуди́ться в трёх со́снах гаранг шуда мондан, ба кори осон дармондан

триа́да *ж* 1. *филос.* триада (*дар фалсафаи идеалистии Гегель се марҳалаи инкишоф — тезис, антитезис ва синтез*) 2. *перен.* салоса, сегона

триангуля́тор *м геод.* 1. триангулятор, мутахассиси триангуляция 2. триангулятор (*номи баъзе асбобҳои геодезия*)

триангуляцио́нн||ый, -ая, -ое *геод.* ...и триангуляция, триангуляциони; ~ая вы́шка бурҷи триангуляциони; ~ые рабо́ты корҳои триангуляционӣ

триангуля́ция *ж* триангуляция (1. *мат.* *тақсимкунии сатҳ ба секунҷаҳо* 2. *геод. муайян кардани нуқтаҳои такьягоҳӣ дар руи замин барои нақшакашӣ*)

триа́с *м* триас; *см.* триа́совый (триасовый пери́од)

триа́сов||ый, -ая, -ое: ~ый пери́од, ~ая систе́ма *геол.* давраи триас

трибу́н *м* 1. *ист.* трибун (*номи мансабдорони гуногуни давлатӣ дар Рими Қадим*) 2. *перен.* мунодӣ; пламе́нный ~ револю́ции мунодии оташини революция

трибу́н||а *ж* 1. минбар; прави́тельственная ~а минбари ҳукуматӣ; с высо́кой ~ы аз минбари баланд; с ~ы съе́зда аз минбари съезд; произноси́ть речь с ~ы аз минбар нутқ гуфтан 2. *перен.* арса; литерату́рная ~а арсаи адабиёт 3. нишастгоҳ; ~ы стадио́на нишастгоҳи стадион

трибуна́л *м* трибунал (*муассиссаи фавқулоддаи суд*) // *собир.* трибунал (*судьяҳо*); вое́нный ~ трибунали ҳарбӣ

тривиа́льность *ж* бемазагӣ, фачӣ, бенамакӣ, беобурангӣ, бетароватӣ

тривиа́льный, -ая, -ое (тривиа|лен, -льна, -льно) бемаза, фач, бенамак, беобуранг, бетароват // (*пошлый*) разил, паст, қабеҳ

тригонометри́ческ||ий, -ая, -ое 1. тригонометрӣ, ...и тригонометрия; ~ие фу́нкции функцияҳои тригонометрӣ 2. *геод.* тригонометрӣ; ~ий знак аломати тригонометрӣ

тригономе́трия *ж* тригонометрия (*як қисми геометрия, ки дар бораи таносуби тарафҳо ва кунҷҳои секунҷаҳо баҳс мекунад*); прямолине́йная ~ тригонометрияи ростхатта; сфери́ческая ~ тригонометрия куравӣ

тридевя́т||ый, -ая, -ое: ~ое ца́рство (госуда́рство) *фольк.* пушти кӯҳи Қоф

три́девять *числ.*: за ~ земе́ль *фольк.* пушти кӯҳи Қоф

тридеся́т||ый, -ая, -ое: ~ое ца́рство (госуда́рство) *фольк.* пушти кӯҳи Қоф

тридцати= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сӣ»:* тридцатиле́тний сисола; тридцатито́мный сиҷилда

тридцатиле́тие *с* 1. (*срок*) сӣ сол, сисола 2. (*годовщина*) сисолагӣ

тридцатиле́тн||ий, -яя, -ее сисола; ~яя война́ ҷанги сисола; ~ий мужчи́на марди сисола; ~ий юбиле́й ҷашни сисолагӣ

тридцатито́мн||ый, -ая, -ое сиҷилда; ~ое собра́ние сочине́ний маҷмуаи сиҷилдаи асарҳо

тридца́тка *ж* (*цифра*) сӣ // *разг.* (*автобус, троллейбус и т. п.*) автобуси сиюм

тридцат||ый, -ая, -ое *числ.* сиюм; ~ые го́ды солҳои сиюм (сӣ)

три́дцат||ь *числ.* сӣ; в ~и киломе́трах от го́рода дар масофаи сӣ километр аз шаҳр

три́дцатью *нареч.* сӣ карат; ~ два — шестьдеся́т сӣ карат ду — шаст

трие́динство *с книжн.* ваҳдати салоса ◇ драмати́ческое ~ *лит.* ваҳдати салоса дар драма (*яъне вақт, ҷой ва амал*)

трие́диный, -ая, -ое *книжн.* ...и ваҳдати салоса

три́ер *м с.-х.* триер (*мошини ғаллатозакунак*)

три́ерный, -ая, -ое *с.-х.* ...и триер, триерӣ

триерова́ние *с см.* триеро́вка

триерова́ть *несов. что с.-х.* аз триер гузарондан, дар триер тоза ва хел-хел кардан (*ғалладонаро*)

триерова́ться *несов. страд. с.-х.* аз триер гузаронда шудан

триеро́вка *ж* (*по знач. гл.* триерова́ть) дар триер тоза ва хел-хел кардан(и); ~ зерна́ хел-хел ва тозакунии ғалладона

три́жды *нареч.* 1. (*три раза*) се бор, се дафъа, се карат; ~ я вспомина́л э́то се маротиба ба хотир оварда будам 2. (*об умножении*) се карат; ~ два — шесть се карат ду — шаш 3. *разг.* (*втройне*) тамоман; ты ~ непра́в ту тамоман нодуруст мегуи

три́зм *м мед.* часпидани ҷоғ

три́зна *ж* 1. ҷаноза, салоти ҷаноза (*дар славянҳои қадим*) 2. *книжн.* (*поминки*) оши худоӣ, дуою фотиҳа; азогирӣ

трико́ *с нескл.* трико (1. *як навъ матои пашмин* 2. *либоси махсуси артистҳо ва варзишгарон* 3. *лозимии занона*)

трикота́ж *м* трикотаж

трикота́жник *м* коргари корхонаи трикотаж

трикота́жница *женск. к* трикота́жник

трикота́жн||ый, -ая, -ое ...и трикотаж, трикотажӣ; ~ая фа́брика фабрикаи трикотаж; ~ые изде́лия маснуоти трикотажӣ

триктра́к *м* нард, нардбозӣ

трили́стник *м бот.* себарга

триллио́н *м* триллион

триллио́нный, -ая, -ое ...и триллион

трило́гия *ж лит.* трилогия (*асари адабӣ, ки аз се қисми мустақил иборат аст*)

триме́стр *м* триместр *(се моҳи таҳсил дар мактабҳои олии Англия, ШМА ва ғ.)*

трина́дцатый *числ.* сездаҳум

трина́дцать *числ.* сездаҳ

три́о *с нескл. муз.* 1. трио *(асари мусиқӣ барои се соз ё се овоз)* 2. трио *(се созанда ё се хонанда)*; ~ **баяни́стов** триои баяннавозон

трио́д *м* триод *(лампаи электронии сеэлектродӣ)*

триоле́т *м лит.* мусамман

трипла́н *м* триплан *(самолёти сеқанота)*

три́плекс *м* триплекс *(1. шишаи сеқабатае, ки як қабати он пластмассаи шаффоф мебошад 2. номи ҳар гуна ашьё ва асбоб, ки аз се қисм иборат мебошанд)*

три́ппер *м см.* **гоноре́я**

трипси́н *м физиол.* трипсин *(ферменти ҳозима)*

три́птих *м* триптих *(1. иск. селава, ки — як мазмуну мундариҷа дорад 2. церк. уқнуси сетабақа)*

три́сель *м мор.* трисель *(бодбони секунҷа ё чоркунҷаи киштӣ)*

три́ста *числ.* сесад; **в трёхстах шага́х** дар масофаи сесад қадам, дар сесад қадам

три́стих *м лит.* мусаллас

три́тий *м хим.* тритий *(элементи химиявӣ; изотопи гидроген)*

трито́н *м зоол.* самандар

триу́мвир *м ист.* триумвир *(иштироккунандаи триумвират)*

триумвира́т *м* 1. *ист.* триумвират *(иттиҳодияи се нафар ходимони сиёсӣ дар Рими Қадим)* 2. *шутл.* сегона, се ҷура, се ошно, се улфат

триу́мф *м* 1. *ист.* музаффарият, нусрат, зафар *(маросими истиқболи ғолибон дар Рими Қадим)* 2. *(блестящий успех)* пирӯзӣ, музаффарият

триумфа́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и музаффарият, ...и зафар; ~**ые воро́та** тоқи нусрат; хоза 2. дабдабанок, ...и музаффарият

триумфа́тор *м ист.* соҳибқирон *(дар Рими Қадим)*

трифто́нг *м лингв.* трифтонг *(як шуда омадани се овози садонок дар як ҳиҷо, мас. оуэ)*

трихи́на *ж зоол.* бука, трихина

трихине́лла *ж см.* **трихи́на**

трихинеллёз *м мед.* трихинеллёз *(касалие, ки онро кирминаҳои трихина ба вуҷуд меоранд)*

трихино́зный, -ая, -ое трихинадор

три́шкин, -а, -о: ~ **кафта́н** аз бараш гирифта ба кадаш духтан

троака́р *м* троакар *(1. мед. асбоби ҷарроҳӣ барои берун кардани фасод 2. камзули занона)*

трог *м геол.* сой

тро́гательно *нареч.* пуртаъсир, таъсирнок

тро́гательность *ж* муассирӣ, пуртаъсирӣ, таъсирнокӣ

тро́гательный, -ая, -ое (тро́гате|лен, -льна, -льно) муассир, пуртаъсир, таъсирбахш, риккатовар; ~ **расска́з** ҳикояи пуртаъсир

тро́га||ть *несов.* 1. *кого-что* даст расондан (задан, кофтан) расидан; ~**ть рука́ми** даст кофтан, даст расондан 2. *кого-что* ба ташвиш андохтан, нороҳат (беором) кардан // *кого* ҳамла (хуҷум) кардан, дарафтодан 3. *что перен.* пайдо шудан, аён гардидан; **седина́ уже́ ~ет виски́** чаккаҳо мошу биринҷ шуда истодаанд 4. *кого-что перен.* ба ҳаяҷон (ба изтироб) овардан, мушавваш кардан, мутаассир кардан; **э́то меня́ ниско́лько не ~ет** ман ба ин кор ҳеҷ парво намекунам 5. ба ҳаракат даромадан, ба роҳ баромадан; **ло́шади ~ют** аспҳо ба роҳ мебароянд // *повел.* **тро́гай** ҳа, канӣ; **ну, ~а́й!** ҳа, канӣ хай кун!, ҳа, канӣ чу гу! 6. *чаще с отриц.* шуруъ кардан, кардан гирифтан

тро́га||ться *несов.* 1. ба ҳаракат омадан, ба роҳ баромадан, роҳ рафтан; **по́езд ~ется** поезд ҳаракат мекунад 2. ҷунбидан, ҳаракат кардан; **на реке́ ~ется лёд** яхи дарьё ба ҳаракат меояд 3. *перен. разг.* ба ҳаяҷон омадан; дилсӯзӣ (ғамхорӣ) кардан; ~**ться до слёз** аз ҳаяҷон гиристан 4. *страд.* даст расонда шудан

троглоди́т *м* 1. *антроп.* троглодит *(одами ибтидоӣ, мағоранишин)* 2. *перен. бран.* ҷоҳил, мутаассиб

тро́е *числ. собир.* 1. *с сущ. м, обозначающими лиц, с личн. мест. мн.* се, се нафар; ~ **бра́тьев** се бародар; ~ **дете́й** се бача; **их бы́ло** ~ онҳо се нафар буданд; **постро́иться по́ трое** сенафара саф кашидан; **на тро́их** барои се нафар 2. *с сущ. тк. мн.* се; ~ **су́ток** се шабонарӯз **за тро́их** ба ҷои се кас; **рабо́тать за тро́их** ба ҷои се кас кор кардан

трое- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «се»:* **троежёнство** сезанагӣ

троебо́рье *с спорт.* варзиши сеҳарба

троеже́нец *м* сезана

троежёнство *с* сезанагӣ

троекра́тно *нареч.* се бор, себора, се маротиба

троекра́тный, -ая, -ое секарата, себора, сечандӣ; ~ **чемпио́н** се карат чемпион

троепе́рстие *с церк.* сечиллика *(бо се ангушт салиб кашидани православҳо)*

троепе́рстный, -ая, -ое *церк.* ...и сечиллика (сеангушта)

тро́ечник *м разг.* талабаи сехон, сехон

тро́ечница *ж разг.* толибаи сехон, сехон

трои́ть *несов. что* 1. ба се тақсим кардан, се қисм кардан; ~ **бревно́** ғуларо се бӯлак (қисм) кардан 2. себора (секатора) кардан; ~ **ряды́** сафҳоро секатора кардан 3. се маротиба такрор кардан; ~ **пар** *с.-х.* заминро себора шудгор кардан ◇ **в глаза́х трои́т** як чиз ба назар сета метобад

трои́ться *несов.* 1. ба се тақсим шудан 2. *страд.* ба се тақсим карда шудан ◇ ~ **в глаза́х** *чаще безл.* сета намудор шудан

тро́ица *ж* 1. *рел.* троица *(воҳиди салоса — таҷассуми писари худо, худи худо ва руҳи муқаддас дар сурати як худо дар дини насронӣ)*; 2. *(название троицына дня)* иди троица 3. *разг. шутл.* сегона, се ошно, се ҷура; **неразлу́чная** ~ се ёрони қарин, се ошнои қарин

тро́ицын, -а, -о: ~ **день** рузи троица, иди троица

тро́йка *ж* 1. *(цифра)* се, рақами се // *разг. (автобус, троллейбус и т. п.)* автобуси сеюм // *(группа из трёх единиц)* се кас, се нафар; сета 2. *(отметка)* баҳои се 3. *карт.* сехола; ~ **бубён** сехолаи хишт 4. *(упряжка)* фойтуни (аробаи) сеаспа 5. комиссияи сеқаса 6. костюм бо камзулчааш

тройни́к *м* 1. сеҷумак; **водопрово́дный** ~ нойчаи сеҷумаки водопровод; **охо́тничий** ~ милтиқи семилаи шикорӣ 2. *(мера)* сечанд; сетагӣ; **доска́-~** тахтаи седюйма

тройни́чный, -ая, -ое: ~ **нерв** *анат.* сарриштаи сегонаи асабҳо

тройн||о́й, -ая, -о́е 1. сеқабата, секатора, сетоба; ~**ы́е ра́мы** чорчӯбаҳои сеқабатаи тиреза 2. себора; ~**о́й уда́р** зарбаи себора; ~**о́й прыжо́к** *спорт.* сепар *(як намуди ҷаҳиш, ки варзишгар бо навбат се бор пойҳоящро такья дода меҷаҳад)* 3. сечанд, сечанда; ~**о́й штраф** ҷаримаи сечанда ◇ ~**о́е пра́вило** *мат.* қоидаи сегона

тро́йн||я *ж* сегоник; **роди́ть** ~**ю** сегоник зоидан

тройня́шка *ж разг. (близнец из тройни)* сегоник

тро́йственность *ж книжн.* сегонагӣ, се хел будан(и)

тро́йственный, -ая, -ое (тро́йствен, -на, -но) 1. *книжн. (тройкий)* сегона, сехела; 2. сегона; ~ **сою́з** иттифоқи сегона

тройча́тка *ж разг.* сеқисма, сетоба; **плеть-~** қамчини сетоба

тройча́т||ый, -ая, -ое сешоха; ~**ые ви́лы** сешоха

трок *м (подпруга)* пуштанг, забартанг

тролле́йбус *м* троллейбус

тролле́йбусн||ый, -ая, -ое ...и троллейбус; ~**ая остано́вка** истгоҳи троллейбус

троллейво́з *м* троллейвоз *(троллейбуси боркаш)*

тромб I *м мед.* судда

тромб II *м (смерч)* гирдбод

тромбо́з *м мед.* суддабандӣ

тромбо́н *м муз.* тромбон *(як навъи карнаи мисӣ)*

тромбони́ст *м* тромбоннавоз

тромбо́нный, -ая, -ое *муз.* ...и тромбон, тромбонӣ

тромбофлеби́т *м мед.* суддапайдошавӣ, тромбофлебит

трон *м* тахт, авранг; **вступи́ть на** ~ ба тахт нишастан

тро́нн||ый, -ая, -ое ...и тахт; **~ый зал** саломхонаи подшоҳ; **~ая речь** нутқи чулус

тро́нут||ый, -ая, -ое 1. *прич.* даст расондашуда 2. *прил. прост.* андак вайроншуда; **~ое вино́** шароби андак туршшуда 3. *прил. перен. разг.* девонабашара, як қамчин намерасад

тро́ну||ть *сов.* 1. *см.* **тро́гать; 2.** *что перен. разг.* андак вайрон (хароб) кардан; **деревья ~ло моро́зом** сармо андак дарахтонро зад ◇ **~ть чувстви́тельную (больну́ю, делика́тную) струну́ кого́-л.** ба кисе касе расидан; **не ~ть воло́ска** *у кого* ҳеч осеб нарасондан; **па́льцем не ~ть** *кого-что* даст нарасондан, зараре нарасондан

тро́нуться *сов.* 1. *см.* **трогаться** 1, 2; **2.** *перен. разг.* (*начать портиться*) гандидан, андак вайрон (хароб) шудан, мағор бастан 3. *перен. разг.* девона шудан, ақл гум кардан ◇ **лёд тро́нулся** пеши кор кушода шуд; **~ в уме́ (в рассу́дке)**, **~ умом (рассу́дком, мозга́ми)** девона шудан, ақл гум кардан; **~ в рост** сабзидан

троп *м лит.* маҷоз, истиора

троп||а́ *ж* пайраҳа, роҳ; **го́рная ~а́** пайраҳаи кӯҳӣ; **идти́ лесно́й ~о́й** аз пайраҳаи беша рафтан // *перен.* роҳи ҳаёт

тро́пик *м* 1. *астр.* мадор; **~ Ра́ка** мадори Саратон; **~ Козеро́га** мадори Ҷадӣ **2.** *мн.* **тро́пики** минтақаи ҳорра, мамлакатҳои тропикӣ

тропи́нка *ж* пайраҳа, пайраҳача

тропи́ческ||ий, -ая, -ое ҳорра, тропикӣ, ...и минтақаи ҳорра; **~ий по́яс** минтақаи ҳорра; **~ие леса** бешаҳои тропикӣ; **~ая лихорадка** варачаи тропикӣ; **~ая жара** гармии сӯзон

тро́пка *ж разг. см.* **тропи́нка**

тропопа́уза *ж физ.* тропопауза (*қабати байни тропосфера ва стратосфера*)

тропосфе́ра *ж физ.* тропосфера (*қабати поёнии ҳаво*)

тро́пот *м* йурға

трос *м* арғамчин, симтаноб; **стально́й ~** таноби пулодин

тро́сов||ый, -ая, -ое ...и таноб, ...и сим; **~ое крепле́ние** симбанд

трости́льн||ый, -ая, -ое ...и танобтобӣ, ...и танобтобак; **~ая маши́на** мошини танобтобак

трости́льщик *м* коргари танобтоб

трости́льщица *женск. к* **трости́льщик**

трости́на *ж прост. см.* **трости́нка**

трости́нка *ж* пояи най, пояи қамиш

трости́ть *несов. что* тофтан, тоб додан

трости́ться *несов. страд.* тофта шудан

тростни́к *м* най, қамиш; **са́харный ~** найшакар

тростнико́в||ый, -ая, -ое 1. ...и най, ...и қамиш, наин; **~ые за́росли** найзор, наистон, қамишзор; **~ый са́хар** найшакар; **~ая кры́ша** боми наин 2. *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои зоологи ва ботаники:* **~ая пальма** найнахл; **~ый воробе́й** сочи наистон

тро́сточка *ж* 1. *уменьш. к* **трость** 1, 2. *см.* **трость** 2

трость *ж* 1. *уст.* пояи най, пояи қамиш 2. (*палка, посох*) асо, чӯбдаст 3. *муз.* чуби камони ғиччак

тростяно́й, -а́я, -о́е *разг. см.* **тростнико́вый** 1

трот *м* резалӯкка

тротил *м* тротил

троти́ловый, -ая, -ое ...и тротил

тротуар *м* пиёдараҳа, пайраҳа

тротуарный, -ая, -ое ...и пиёдараҳа, ...и пайраҳа

трофе́||й *м, чаще мн.* **трофе́и** ғаниматт, ўлҷа; **богатые ~и** ғаниматҳи бисьёр

трофе́йн||ый, -ая, -ое ...и ғанимат; **~ое ору́жие** яроқи ғанимат

трофика *ж*: **не́рвная ~** *физиол.* трофикаи асабҳо (*таъсири системаи асаб ба мубодилаи моддаҳо дар организм*)

трофи́ческ||ий, -ая, -ое *физиол.* ...и трофика, трофикӣ; **~ая фу́нкция не́рвной систе́мы** вазифаи трофикии системаи асаб; **~ая язва** захми трофикӣ

трохе́й *м уст. лит. см.* **хоре́й**

троцки́зм *м полит.* троцкизм

троцки́ст *м полит.* троцкист

троцки́стский, -ая, -ое ...и *полит.* троцкизм, ...и троцкист

тро́шки *нареч. обл.* андакак, камакак, як қиттӣ, қитекак

троще́ние *с текст.* тофтан(и); **~ пря́жи** тофтани калоба, калобатобӣ

трощён||ый, -ая, -ое *текст.* тофта; **~ая нить** ресмони тофта

троюродн||ый, -ая, -ое: **~ый брат** (*со стороны отца*) писари амакбача (аммабача); (*со стороны матери*) писари тағобача (холабача); **~ая сестра** (*со стороны отца*) духтари амакбача (аммабача); (*со стороны матери*) духтари тағобача (холабача)

троя́к *м прост.* сесума, сесӯмӣ

троякий, -ая, -ое (трояк, -а, -о) сеҳела, сешакла, сетарафа; **~ смысл** маънои сетарафа

труб||а́ *ж* 1. қубур; дудкаш, дудбаро, мурӣ; **водосто́чная ~а** тарнов, новадон; **дымовая ~а́** мурӣ, дудкаш; **самоварная ~а́** карнаи самовор; **~а телеско́па** мили телескоп; **подзо́рная ~а́** дурбин 2. *муз.* карнай, шайпур; **игра́ть на ~е́** карнай навохтан, карнай кашидан; **граммофо́нная ~а** карнаи граммофон 3. *анат.* пой; **евстахиева ~а́** нойи гушу гулу 4. *в знач. нареч.* **трубо́й** *разг.* (*вертикально*) рост (ба боло) бароянда; **дым поднимался ~о́й** дуд рост ба осмон мебаромад 5. *в знач. нареч.* **трубо́й** *разг.* (*воронкой*) қифмонанд, қифшакл **6.** *в знач. сказ. безл. кому-чему и без доп. прост.:* ну, **тепе́рь тебе́ ~а́!** ана, акнун мурдӣ! ◇ **аэродинами́ческая ~а́** қубури аэродинамики; **иерихо́нская ~а́** овози баланд, овози арросӣ; **мостовая ~а** қубури роҳ; **нетолчёная (непротолчёная) ~а́** *кого уст.* тӯда, издиҳом; **де́ло ~а́** *прост.* аҳвол чатоқ, кор хӯрчин; **вылететь в ~у́** шикастан, муфлис шудан; **держи хвост ~о́й!** *прост.* паст нао **пройти́ [сквозь] ого́нь и во́ду и ме́дные тру́бы** ба ҳафт гулах алав мондан; **пусти́ть (выпустить) в ~у́** 1) *кого* ғорат кардан, хонавайрон кардан, бе чизу чора мононда 2) *что* беҳуда харҷ кардан, исроф кардан; **труби́ть в (во все) гру́бы** дар ҳама ҷо овоза кардан

трубастый, -ая, -ое: **~ го́лубь** кабӯтари карнайдум

труба́ч *м* 1. карнайчӣ, шайпурнавоз 2. *разг. см.* **трубастый (трубастый го́лубь)**

труб||и́ть *несов.* 1. *во что и без доп.* карнай навохтан, шайпур задан, сурнай кашидан; **~и́ть в трубу́** карнай навохтан, шайпур задан 2. *без доп.* садо баровардан; **тру́бы ~ят** садои карнай ҳо ба гуш мерасад 3. *что* бонг задан **~и́ть сбор** нафир додан; **~и́ть трево́гу** бонги хатар задан 4. *о ком-чём перен. разг.* чор задан, овоза кардан; **об э́том ~и́ли повсю́ду** инро дар ҳама ҷо паскуча овоза мекарданд 5. *прост.* (*долго заниматься чем-л.*) дуру дароз бо коре машғул будан ◇ **в (во все) тру́бы ~и́ть** дар ҳама ҷо овоза кардан

труби́ться *несов. с.-х.* шоха задан, кад кашидан

тру́бк||а *ж* 1. *уменьш. к* **труба** найча; **резиновая ~а** найчаи резинӣ; **рентге́новская ~а** найчаи рентгенӣ (*асбоб барои ҳосил кардани шуоъҳои рентгенӣ*); **дыхательная ~а** найчаи нафас 2. (*телефонная*) гушаки телефон 3. (*курительная*) чилим, чубуқ ◇ **выйти (идти́, выходи́ть) в ~у** *с.-х.* қад кашидан (*оид ба гиёҳҳои ғалладор*)

тру́бный, -ая, -ое 1. ...и қубур: **~ завод** заводи қубурсозӣ 2. ...и карнай, ...и шайпур; **~ звук** садои карнай, садои шайпур ◇ **~ глас** [...] сури Исрофил

трубо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «қубур»:* **трубоотте́йный** ...и қубурсозӣ

трубоволоче́ние *с* қубурсозӣ

трубоволочи́льный, -ая, -ое ...и қубурсозӣ; **~ цех** цехи қубурсозӣ

трубоволочи́льщик *м* қубурсоз

трубоклад *м* устои қубургузар, қубургузор

трубоку́р *м прост.* чилимкаш, чубуқкаш

труболите́йный, -ая, -ое ...и қубурсозӣ; **~ заво́д** заводи қубурсозӣ

трубонарезно́й, -ая, -о́е ...и [...] кунии қубур; **~ станок** дастгоҳи [...] печкунии қубур

трубопрово́д *м* трубопровод

трубопрово́дн||ый, -ая, -ое ...и қубур, ...и гулба; **~ая ли́ния** хатти қубур // ...и қубурхобонӣ, ...и қубургузаронӣ; қубургузор; **~ые ра[...]** корҳои қубургузаронӣ

трубопрово́дчик *м* қубургузар

трубопрокатный, -ая, -ое ...и [...] кати қубур; **~ заво́д** заводи п[...] қубур

трубопрока́тчик *м* коргари [...] прокати қубур

труборе́з *м* асбоби қубурсозӣ, қубурбуррак

трубосва́рочный, -ая, -ое ...и кафшери қубур; ~ **агрега́т** дастгоҳи кафшери қубур

трубоукла́дчик *м* 1. *(рабочий)* қубурпайчин 2. крани пайчинии қубурҳо

трубочи́ст *м* мӯрируб

тру́бочка *ж уменьш.* к **тру́бка** 1; найча, наи борик

тру́бочный, -ая, -ое 1. ...и қубур, қубурӣ; ~ **заво́д** заводи қубур 2. ...и чилим; ~ **таба́к** чилимтамоку

тру́бчат||ый, -ая, -ое 1. найчашакл, дарунхолӣ; ~**ая кость** устухони дарунхолӣ; ~**ый сте́бель** пояи дарунхолӣ 2. чашмакдор, сурохдор, ғавак; ~**ый ка́мень** санги масомадор 3. қубурдор; ~**ый котёл** деги қубурдор

труд *м* 1. меҳнат, заҳмат, кор; **физи́ческий** ~ меҳнати ҷисмонӣ; **у́мственный** ~ меҳнати фикрӣ (ақлӣ); **ору́дие** ~**а́** олати меҳнат; **охра́на** ~**а́** муҳофизати меҳнат; **производи́тельность** ~**а́** маҳсулнокии меҳнат; **разделе́ние** ~**а́** таксимоти меҳнат; **вознагражде́ние за** ~ мукофоти меҳнат; **пра́во на** ~ ҳуқуқи меҳнат 2. захмат, тараддуд, ташвиш, давуғеч; **напра́сный** ~ ташвиши беҳуда 3. асар, таълиф; **нау́чный** ~ асари илмӣ; **печа́тный** ~ таълифи чопӣ, кори матбаа (чопӣ) ◇ **без [осо́бого]** ~**а́** бе ягон захмат, ба осонӣ, бе дарди миён, бемашаққат; **с [больши́м]** ~**о́м** бо азоб, бо як мушкилӣ, ба зур; **сизи́фов** ~ мехнати бар абас; **би́ржа** ~**а́** биржаи мехнат; **дать себе́** ~ *с неопр.* худро вазифадор шумурдан (донистан), кӯшиш кардан; **взять (приня́ть) на себя́** ~ *с неопр.* кореро ба ӯҳда гирифтан, ба ягон кор розигӣ додан; **по́сле** ~**о́в пра́ведных** *шутл.* баъди тапу тез

труд= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «меҳнат»*: **трудови́нность** ухдадории меҳнатӣ

труди́ться *несов.* 1. кор кардан, меҳнат кардан 2. *над чем* кор кардан; кушиш кардан, ҷаҳд кардан, ҳаракат кардан; ~ **над зада́чей** дар болои масъала кор кардан 3. *с неопр. и без доп. разг.* заҳмат кашидан

тру́дно 1. *нареч.* душвор, мушкил, сахт; ~ **сказа́ть, кто вы́играет** кӣ мебарад инро гуфтан душвор аст; **э́тот вопро́с о́чень** ~ **реши́ть** ҳал кардани ин масъала бисьёр мушкил аст 2. *в знач. сказ. безл. с чем* танқис аст; ~ **с деньга́ми** пул танқис; **у меня́** ~ **со вре́менем** вақтам танқис аст 3. *в знач. сказ. безл. кому-чему* танг (вазнин, мушкил, сахт) аст; **ему́** ~ аҳволаш вазнин аст

трудно= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «душвор»*: **труднодосту́пный** душворфатҳ

трудновоспиту́емый, -ая, -ое (трудновоспитуем, -а, -о) душвортарбия; ~ **ребёнок** бачаи душвортарбия

труднодосту́пн||ый, -ая, -ое (труднодоступ|ен, -на, -но) душворфатҳ; ~**ая верши́на** куллаи душворфатҳ

труднопроходи́м||ый, -ая, -ое (труднопроходи́м, -а, -о) душворгузар, душворгард; ~**ое боло́то** ботлоқи душворгузар

тру́дност||ь *ж* 1. душворӣ, мушкилӣ, сахтӣ, вазнинӣ, машаққат; ~**ь пути́** душвории роҳ; ~**ь зада́чи** мушкилии масъала 2. *разг. (большой труд)* саъю кушишҳои зиёд; **э́то не составля́ет большо́й** ~**и** ин кори мушкил не, ин кори осон 3. *чаще мн.* **тру́дности** монеаҳо, мушкилот, мушкилиҳо; **преодоле́ть** ~**и** монеаҳоро бартараф кардан, мушкилиҳоро паси сар кардан

тру́дн||ый, -ая, -ое (труд|ен, -на, -но) 1. душвор, мушкил, сахт, вазнин, пурмашаққат, пурзаҳмат; ~**ая рабо́та** кори душвор (вазнин); ~**ый экза́мен** имтиҳони душвор; ~**ые усло́вия** шароити вазнин; ~**ое дыха́ние** зиқи нафас 2. бад, якрав, гарданшах; ~**ый ребёнок** бачаи тарбия карданаш мушкил; ~**ый хара́ктер** табиати вазнин; феъли бад 3. пуразоб, пуразият; ~**ая смерть** марги пуразоб 4. сахт, вазнин; ~**ая боле́знь** касалии сахт; ~**ый больно́й** касали вазнин

трудо= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои «меҳнат», «меҳнатӣ»*: **трудоде́нь** рузи меҳнат; **трудоспосо́бность** қобилияти меҳнат

трудов||о́й, -а́я, -о́е 1. меҳнати, корӣ, ...и меҳнат, ...и заҳмат; ~**о́й стаж** стажи корӣ; ~**а́я дисципли́на** интизоми меҳнат; ~**о́е воспита́ние** тарбияи меҳнатӣ; ~**ы́е дохо́ды** даромадҳои меҳнатӣ; ~**ая сла́ва** шуҳрати меҳнатӣ 2. меҳнаткаш, заҳматкаш, меҳнатдуст, меҳнатӣ; ~**о́й наро́д** аҳли меҳнат (меҳнаткашон) ◇ ~**а́я кни́жка** дафтарчаи меҳнатӣ; ~**ые резе́рвы** (*то соли 1958*) резервҳои (захираҳои) меҳнатӣ; ~**о́е соглаше́ние** *юр.* шартномаи меҳнат

трудоде́нь *м* рӯзи меҳнат

трудоёмк||ий, -ая, -ое (трудоём|ок, -ка, -ко) меҳнатталаб, душвор; **механиза́ция** ~**их рабо́т** механиконидани корҳои меҳнатталаб

трудоёмкост||ь *ж* меҳнатталабӣ, меҳнатталаб будан(и); ~**ь рабо́ты** меҳнатталаб будани кор; **сниже́ние** ~**и проду́кции** кам кардани меҳнатталабии маҳсулот

трудолю́б *м книжн.* меҳнатдӯст

трудолюби́вый, -ая, -ое (трудолюбив, -а, -о) меҳнатдуст, меҳнатӣ; ~ **челове́к** одами меҳнатдуст

трудолю́бие *с* меҳнатдустӣ

трудоспосо́бност||ь *ж* қобилияти меҳнат; **потеря́** ~**и** гум кардани қобилияти меҳнат

трудоспосо́бн||ый, -ая, -ое (трудоспособ|ен, -на, -но) қобили меҳнат; ~**ое населе́ние** аҳолии қобили меҳнат

трудотерапи́я *ж мед.* муолиҷа бо меҳнат

трудоустро́йств||о *с* бо кор таъминкунӣ; **коми́ссия по** ~**у** комиссияи ба кор таъминкунӣ

труд́яга *м, ж прост.* меҳнатӣ

трудя́щ||ийся, -аяся, -ееся меҳнаткаш, заҳматкаш; ~**иеся ма́ссы** оммаҳои меҳнаткаш // *в знач. сущ.* **трудя́щийся** *м* меҳнаткаш; ~**иеся го́рода и дере́вни** меҳнаткашони шаҳру деҳот

тру́женик *м высок.* заҳматкаш, меҳнаткаш, меҳнатдӯст; ~**и поле́й** меҳнатдустони саҳроҳо; ~**и нау́ки** ходимони содиқи илм

тру́женица *женск.* к **тру́женик**

тру́женичество *с* заҳматкашӣ, меҳнаткашӣ

труни́ть *несов. над кем-чем и без доп. разг.* ҳазл (шухӣ) кардан, мазоҳ кардан

труп *м* ҷасад, мурда, майит; **вскры́тие** ~**а** ташреҳи ҷасад ◇ **переступи́ть (перешагну́ть) че́рез че́й-л.** ~ ҳаёти касеро сӯзондан; **то́лько че́рез мой** ~ маро мекушию баъд...

тру́пный, -ая, -ое ...и мурда; ~ **яд** заҳри мурда; ~ **за́пах** бӯи мурда

тру́ппа *ж* ҳайат, дастаи артистон; **о́перная** ~ ҳайати артистони опера

трус I *м* тарсончак, буздил ◇ ~**а** (~**у**) **пра́здновать** тарсидан, ҳаросидан

трус II *м прост. (кролик)* харгӯш

тру́сики *тк. мн. см.* **трусы́**

тру́сить *несов.* тарсидан, ҳаросидан; ~ **пе́ред ке́м-л.** аз касе тарсидан

труси́ть I *несов. что разг.* афшондан, рехтан; ~ **муку́ из мешка́** ордро аз халта афшондан (афшонда гирифтан)

труси́ть II *несов. разг. в разн. знач.* луккидан

труси́ться *несов. разг.* 1. *(сыпаться)* рехтан, пош хурдан 2. *(дрожать)* ларзидан, ба ларза омадан 3. *страд.* рехта шудан

труси́ха *разг. женск.* к **трус** I

труси́шка *м, ж уменьш.-ласк.* к **трус** I

трусли́во *нареч.* буздилона, бо тарсу ҳарос, харосон; ~ **огля́дываться** ҳаросон ақиб нигаристан

трусли́вость *ж* тарсончакӣ, буздилӣ

трусли́в||ый, -ая, -ое (труслив, -а, -о) тарсончак, буздил; ~**ый челове́к** одами тарсончак // тарсон, ҳаросон, тарснок, ҳароснок; ~**ый взгляд** нигоҳи харосон ◇ **не** ~**ого деся́тка** аз тарсончакҳо не

тру́сость *ж* тарсончакӣ, тарс, буздилӣ; **преодоле́ть** ~ тарсро бартараф кардан

трусц||а́ *ж разг.* 1. лӯк-лӯкон давидан(и) 2. *в знач. нареч.* **трусцо́й** лӯккос зада; **бежа́ть** ~**о́й** лӯккос зада давидан

трусы́ *тк. мн.* трусы

трут *м* қав, пилтан чақмоқ

тру́тень *м* 1. *зоол.* нарзанбӯри асал 2. *перен. разг.* танбал, муфтхур, туфайлихӯр

трутнев||о́й, -а́я, -о́е *зоол.* ...и нарзанбӯри асал; ~**а́я ку́колка** зочаи нарзанбӯри асал

труто́вка *ж зоол.* занбӯри корӣ

трух||а́ *ж* 1. гард, чанг, хок, ғубор; **преврати́ться в** ~**у́** гард-гард шудан 2. *перен. разг.* чизи бефоида (бесуд, бенафъ, беҳуда)

трухляветь *несов.* пусида гард-гард шудан, фарсуда шудан, пукка шудан

трухлявиться *несов. разг.* пусида гард-гард шудан, фарсуда шудан, пукка шудан

трухлявость *ж* фарсудагй, пуккагй, пӯкй

трухлявый, -ая, -ое (трухляв, -а, -о) пӯсида, тосида, пукка, пук

трущоба *ж* 1. ҷои душворгузар; **лесная** ~ ҷои душворгузари ҷангал 2. ҷои хилват (дурдаст) 3. маҳалҳои ноободи камбағалон

трущобный, -ая, -ое 1. ...и ҷои душворгузар 2. ...и ҷои хилват, ...и ҷои дурдаст

трын-трава *в знач. сказ. прост.*: **ему всё** ~ вай бепарвофалак аст, вай ҳеҷ парво надорад

трюизм *м книжн.* музахрафот

тяпну||ть *сов.* 1. *однокр. к* **тяпать;** 2. *кого-что прост.* *(ударить)* шарти карда задан // *(укусить)* газидан; **собака ~ла его за ногу** саг уро аз пояш газид 3. *что прост.* *(урвать)* коре карда (бо ҳар роҳ) пул ёфтан // *(украсть)* дуздидан 4. *что, чего и без доп. прост.* нушидан, задан; **~ть рюмочку** як қадаҳча шароб задан ◇ **~ть с горя** *прост.* ғаму андуҳи бисьёреро аз сар гузарондан

тяпнуться *несов. прост.* гурси (шаппи, таппи) афтидан

тятенька *м прост. и обл. ласк. к* **тятя** отаҷон

тятька *м см.* **тятя**

тятя *м прост. и обл.* ота

У

у I *предлог с род.* 1. *(возле, около)* дар назди ..., дар пеши..., дар паҳлуи, назди..., пеши..., дар; **ведро стоит у колодца** сатил дар назди чоҳ аст; **у окна** дар пеши тиреза; **у моря** дар соҳили баҳр 2. *(при, вместе)* бо хамроҳии...; **жить у родителей** бо ҳамроҳии падару модар зиндагӣ кардан

3. *(указывает на лицо, от которого исходит действие)* аз, дар; **спроси у учителя** аз муаллим пурс; **они у соседей** онҳо дар хонаи ҳамсояанд; **я учился у плотника** ман дуредгариро аз дуредгар омухтам; **у меня болит зуб** дандонам дард мекунад 4. *(указывает на принадлежность)*: **у него два сына** у ду писар дорад; **у двери есть замок** дар қулф дорад; **у стола есть ящики** стол ғаладон дорад 5. *(указывает на какое-л. состояние, действие)* дар ..., ба ...; **быть у власти** дар сари ҳокимият истодан; **быть у руля** суккон ба даст гирифтан ◇ **смотри у меня!** ту ҳоло нигоҳ карда ист!, ту ҳоло бо собуни ман ҷомашӯӣ накардӣ!

у II *межд. (произносится протяжно* — у-у, у-у-у) 1. *звукоподр. (при обозначении воя, гула)* уллос, ғурриш, ғуррос; **«у-у-у» завывал ветер в горах** дар кӯҳҳо шамол ғуррос мезад 2. *(при выражении укоризны, угрозы, негодования)* э, эҳе, эҳҳа, ҳай-ҳай; **у, озорник!** э, шайтон! 3. *(при выражении испуга, страха)* вай-вай-вай; **у, какой страшный!** вай-вай чӣ қадар бадвоҳима! 4. *(при выражении удивления)* эҳе, уҳу, оҳо; **у, какой большой вырос!** оҳо, хеле калон шуда мондааст! 5. *(при выражении одобрения, восторга)* аҷаб, ҳай-ҳай; **у, как хорошо!** аҷаб хуб аст!

у- *приставка префиксест, ки дар аввали феълҳо омада, чунин маъноҳоро ифода мекунад:* 1) *самти ҳаракат ба тарафе, ба сӯе* — **убежать** гурехтан; **улететь** парида рафтан 2) *кам шудани миқдори чизе* — **урвать** канда гирифтан; **ушить** духта кутоҳтар (тангтар) кардан 3) *то ба охир расондани амалеро* — **уговорить** ба гап даровардан; **убаюкать** аллагуён хобондан 4) *устуворона иҷро намудани амале* — **усесться** нишаста гирифтан; **улечься** ёзида хоб кардан 5) *ҷойгир кардани чизе* — **уписать** навишта ғунҷондан; **уместить** ҷой кардан, ғунҷондан 6) *тағйир додани сифати предмет* — **укрепить** мустаҳкам (устувор) кардан; **уквасить** туршонидан 7) *ба шакли мутлақ гардонидани баъзе феълҳо* — **ужалить** газидан, неш задан; **украсть** дуздидан

уа *межд.* ағу-ағу *(нидои кӯдаки ширмак)*

убавить *сов.* 1. *что* кам (хурд, кучак) кардан; кутоҳ (танг) кардан; ~ **расходы** хароҷотро кам кардан; ~ **цену** нархро фуровардан; ~ **рукава** остини либосро кутоҳ кардан 2. *чего перен.* суст (беқувват) кардан, паст фуровардан; ~ **спеси** ғурурро камтар кардан ◇ ~ **в весе** хароб (лоғар) шудан

убави||ться *сов.* кам (хурд) шудан, кутоҳ шудан, суст (камқувват) шудан; паст шудан, фуромадан; **уровень воды** ~**лся** сатҳи об паст шуд (фуромад); **работы у него** ~**лось** *безл.* кори у санҷоб гардид; **ночи** ~**лись** шабҳо кутоҳ шуданд

убавка *ж* 1. *(по знач. гл.* **убавить)** кам (хурд) кардан(и); кутоҳ (танг) кардан(и); фуровардан(и); *(по знач. гл.* **убавиться)** кам (хурд) шудан(и), кутоҳ шудан(и); фуромадан(и), паст шудан(и) 2. чизи камшуда (кутоҳшуда)

убавление *с см.* **убавка 1**

убавлять *несов. см.* **убавить**

убавляться *несов.* 1. *см.* **убавиться**; 2. *страд.* кам (кутоҳ, суст) карда шудан

убаюка||ть *сов. кого-что* 1. аллагуён хобондан 2. *перен.* пинак бурдан; **стук колёс меня** ~**л** аз ғилдир-ғилдири чарх маро ғанаб бурд 3. *перен.* таскин додан; хотирҷамъ кардан; ~**ть обещаниями** ваъда дода хотирҷамъ кардан

убаюкаться *сов.* 1. *(о ребёнке)* хобидан 2. *разг.* ба пинак рафтан

убаюкивание *с* 1. *(по знач. гл.* **убаюкать)** алла гуфта хобондан(и) 2. аллагуӣ

убаюкивать *несов. см.* **убаюкать**

убаюкиваться *несов.* 1. *см.* **убаюкаться;** 2. *страд.* аллагуён хобонда шудан; хотирҷамъ карда шудан

убега||ть *несов.* 1. *см.* **убежать;** 2. дур шудан (рафтан); **волны** ~**ли в море** мавҷи баҳр аз соҳил дур шуд; **тени** ~**ли** сояҳо дур мешуданд 3. давидан, гузаштан; **поезд мчался, и деревья** ~**ли назад** поезд бо суръат пеш мерафту дарахтон ба ақиб медавиданд

убегаться *сов. разг.* давида монда шудан, тохта шалпар (хаста) шудан

убедительно *нареч.* 1. яқинан; ~ **доказать свою правоту** хақ будани худро яқинан исбот кардан 2. бо исрор; ~ **прошу вас** аз шумо илтиҷо дорам

убедительность *ж* эътимоднокӣ, боэътимодӣ, яқинӣ; ~ **доводов** эътимоднокии (боэътимодии) далелҳо

убедительн||ый, -ая, -ое (убедите|лен, -льна, -льно) 1. боварибахш, эътимоднок, яқин; ~**ые факты** асосҳои боварибахш; ~**ый довод** далели эътимоднок 2. *тк. полн. ф* ботаъкид, боисрор; ~**ая просьба** хоҳиши боисрор; ~**ая просьба к вам** *обращ.* аз шумо илтиҷо дорам

убедить *сов. кого-что* 1. боварӣ ҳосил кунондан, бовар кунондан; ~ **в своей правоте** ба ҳақ будани худ бовар кунондан; ~ **кого-л. в необходимости чего-л.** ба зарур будани чизе касеро бовар кунондан 2. розӣ кунондан, моил кардан; ~ **лечиться** ба табобат розӣ кунондан

убедиться *сов. в чём* бовар кардан, муътақид шудан, яқин кардан; фаҳмидан; ~ **на опыте** дар амал бовар кардан; фаҳмидан; ~ **в истинности происшествия** ба ҳақиқат будани ҳодиса бовар кардан

убежа||ть *сов.* 1. гурехтан, фирор кардан; тохта рафтан; **дети** ~**ли к реке** бачаҳо ба тарафи дарьё тохта рафтанд 2. гурехтан, гуреза шудан, гурехта пинҳон шудан; ~**ть из плена** аз асирӣ гурехтан 3. *разг.* дамида (ҷӯшида) рехтан; **молоко** ~**ло** шир дамида рехт

убеждать *несов. см.* **убедить**

убеждаться *несов.* 1. *см.* **убедиться;** 2. *страд.* бовар кунонда шудан; розӣ кунонда шудан

убеждени||е *с* 1. *(по знач. гл.* **убедить** 1 *и* **убедиться)** боварӣ ҳосил кунондан(и); муътақид шудан(н); **легко поддаться** ~**ю** бо осонӣ мӯътақид шудан 2. ақида, эътиқод; **отстаивать свои** ~**я** ақидаи худро мудофиа кардан; **противно** ~**ю** акси ақида аст, зидди эътиқод аст

убеждённо *нареч.* бо боварии том, дилпурона

убеждённость *ж* боэътиқодӣ, боварии қатъӣ

убеждённый, -ая, -ое (убежд|ён, -ена, -ено) 1. мӯътақид шуда; **я в этом убеждён** ман ба ин мӯътақидам 2. *тк. полн. ф.* мӯътақид, эътиқоднок, маҳкамэътиқод; ~ **атеист** атеисти маҳкамэътиқод

убежищ||е *с* паноҳ, паноҳгоҳ; **искать** ~**а от зноя** аз гармӣ паноҳ ҷустан; **предоставить** ~**е** паноҳ додан; **пережидать налёт в** ~**е** дар вақти бомбапартоии самолёт худро дар паноҳгоҳ гирифтан; **право** ~**а** *юр.* ҳуқуқи паноҳ

убелённ||ый, -ая, -ое *прич.* сафед кардашуда; ~**ые снегом горы** кӯҳҳои барфпуш ◇ ~**ый сединами (сединой)** сафедмуй, муйсафед

убелить *сов. кого-что* сафед (сап-сафед, тамоман сафед, сафедпуш) кардан

убелять *несов. см.* **убелить**

убеляться *несов. страд.* сафед карда шудан

уберегать *несов. см.* **уберечь**

уберегаться *несов.* 1. *см.* **уберечься;** 2. *страд.* эҳтиёт (муҳофизат) карда шудан

уберечь *сов. кого-что* нигоҳдорӣ (эҳтиёт, муҳофизат) кардан; ~ **от простуды** аз касалии зуком эҳтиёт кардан

уберечься *сов.* эҳтиёт шудан, худро эҳтиёт кардан; ~ **от волнений** аз ҳаяҷон (аз изтироб) худро нигоҳ доштан

убивание *с (по знач. гл.* **убить)** кушиш, қатл (маҳв) кардан(и)

убивать I *несов. см.* **убить I** ◇ ~ **себя** *прост.* худро малул гардонидан

убивать II *несов. см.* **убить II**

убиваться I *несов.* 1. *см.* **убиться;** 2. *страд.* кушта (қатл карда, парронда) шудан 3. *о ком-чём и без доп.* сахт ғам хурдан, ғаму ғусса хурдан; **я из-за него убиваюсь** ман ғами уро мехурам; **будет тебе** ~ **из-за этого** барои ин чиз ғаму ғусса хӯрданро бас кун

убиваться II *несов. страд.* шибба зада (карда) шудан

убийвец *м прост. см.* **убийца**

убиение *с уст.* кушиш, қатл

убиённый, -ая, -ое *уст. прич., прил.* кушта, қатлшуда

убийственность *ж книжн.* ҳалокатпазирӣ, тоқатфарсоӣ

убийственн||ый, -ая, -ое (убийст-|вен, *и* -венен, -венна, -венно) 1. халокатбор, кушанда; **~ый ого́нь** оташи ҳалокатбор 2. ҷонгудоз, тоқатфарсо; **~ая жара́** гармии тоқатфарсо 3. *перен.* даҳшатнок, тезу тунд; **~ый взгляд** нигоҳи тезу тунд 4. даҳшатнок, даҳшатовар, даҳшатангез, воҳиманок, мудҳиш; **~ая карти́на** манзараи даҳшатангез; **~ое изве́стие** хабари даҳшатнок; **~ые после́дствия** оқибати даҳшатангез 5. ниҳоят бад, ганда; **~ая пого́да** ҳавои бад; **~ые доро́ги** роҳҳои дағар-буғур

уби́йство *с* (*по знач. гл.* **уби́ть** I) қатл, куштор, одамкушӣ; **полити́ческое ~** куштори сиёсӣ; **умы́шленное ~** қатли барқасд; дидаву дониста куштан(и); **соверши́ть ~** одам куштан

уби́йца *м, ж* кушанда, одамкуш, қотил; **наёмный ~** қотили зархарид

убира́ть *несов. см.* **убра́ть**

убира́ться *несов.* 1. *см.* **убра́ться**; 2. *повел. накл. разг.* **убира́йся! (убира́йтесь!)** гум шав(ед)!, дафъ шав(ед)! 3. *страд.* бардошта (дур карда, бароварда) шудан; ғундошта шудан; рубучин карда шудан; оро (зинат) дода шудан

уби́тый I, -ая, -ое (уби́т, -а, -о) 1. *прич.* кушташуда, қатл кардашуда 2. *в знач. сущ.* **уби́тый** *м*, **уби́тая** *ж* мурда, кушташуда, мақтул; **число́ уби́тых и ра́неных** миқдори ярадор ва кушташудагон 3. ғамгин, андуҳгин, маҳзун, ғамзада; **у него́ ~ вид** чеҳраи у маҳзун; **~ го́рем** ғамзада, аламзада ◇ **спит как ~** мурдавор хоб кардааст; **молчи́т как ~** мурдавор хомуш аст; **хо́дит как ~** ниҳоят ғамгин ва малул аст

уби́тый II, -ая, -ое *прич., прил.* (*утрамбованный*) шибба кардашуда

уби́ть I *сов.* 1. *кого* куштан, қатл кардан, паррондан 2. *что перен.* маҳв (несту нобуд, решакан) кардан, бар бод додан; **~ наде́жду** умед кандан 3. *кого перен.* ниҳоят андухгин (маъюс) кардан; **он уби́л её свои́м изве́стием** вай уро бо хабари худ ниҳоят малул ва маъюс кард 4. *что перен.* бар бод додан, исроф кардан; **~ все сре́дства** ҳамаи маблағро бар бод додан 5. *уст. карт.* задан, пӯшидан; **да́ма уби́та** мотка зада шуд 6. *кого прост.* задан, зарба расондан (додан) ◇ **~ двух за́йцев** як тиру ду нишон; **~ вре́мя** рӯз кӯр кардан; **убе́й меня́ бог!** худо занад, ...ки; **хоть убе́й** кушӣ ҳам..., ҳар чӣ хоҳӣ ҳам; **хоть убе́й, не могу́ заде́рживаться** кушӣ ҳам, дигар монда наметавонам

уби́ть II *сов. что* (*утрамбовать*) шибба задан (кардан)

уби́ться *сов.* 1. *разг.* афтида мурдан, сахт зарба хӯрда мурдан 2. *прост.* зарба дидан, сахт зада шудан, сахт лат хурдан

ублаготвори́ть *сов. кого-что уст. теперь шутл.* қаноат (қонеъ) кунондан, хурсанд кардан

ублаготвори́ться *сов. уст. теперь шутл.* пурра қаноат кардан, пурра қонеъ шудан, хурсанд шудан

ублаготворя́ть *несов. см.* **ублаготвори́ть**

ублаготворя́ться *несов.* 1. *см.* **ублаготвори́ться**; 2. *страд.* қаноат кунонда шудан, хурсанд карда шудан

ублажа́ть *несов. кого-что см.* **ублажи́ть**

ублажа́ться *несов. страд.* розӣ (хурсанд, хушнуд) карда шудан

ублажи́ть *сов. кого-что разг.* розӣ (хурсанд, хушнуд) кардан; **её тру́дно бы́ло ~** уро хушнуд кардан мушкил буд

ублю́док *м прост. прям., перен.* бадзот

убо́г||ий, -ая, -ое (убог, -а, -о) 1. *прил. и в знач. сущ.* **убо́гий** *м*, **убо́гая** *ж* маъюб, маслуқ, маиб, шал, оҷиз 2. бенаво, бечора, фақир, мискин, гадо 3. камбағалона, фақирона, гадоёна, урьён, назарногир; **~ая оде́жда** либоси назарногир 4. *перен.* ҳомун; **ме́стность с ~ой расти́тельностью** маҳалли ҳомун 5. каммазмун, ночиз, ҳақирона, бенур; **~ая иде́я** ғояи каммазмун; **~ое воображе́ние** тасаввури хира

убо́гость *ж см.* **убо́жество**

убо́жество *с* 1. маъюбӣ, маслуқ будан(и), шалӣ, оҷизӣ 2. бенавоӣ, бечорагӣ, фақирӣ, мискинӣ 3. *перен.* аҷз; **~ мыслей и чувств** аҷзи фикру ҳиссиёт

убо́ина *ж прост.* гушт

убо́й *м* саллоҳӣ, қассобӣ; **гнать скот на ~** чорворо ба саллоххона бурдан ◇ **корми́ть (пои́ть) как на ~** бурдоқӣ кардан; **посыла́ть на ~** ба дасти аҷал додан

убо́йность *ж воен.* қудрат; **~ артиллери́йского огня́** қудрати оташи артиллерия

убо́йн||ый, -ая, -ое 1. кушта мешудагӣ, куштанӣ, махсус барои куштан; **~ый скот** чорвои кушта мешудагӣ; **~ый пункт** саллоххона 2. *воен.* марговар, ҳалокатбор, ҳалокатовар; **~ая мо́щность артиллери́йского огня́** қудрати ҳалокатбории оташи артиллерия 3. *охот.* нозук суст ◇ **~ый вес** вазни холис (*оид ба гӯшту равғани моли кушташуда*)

убо́р *м* 1. *уст.* (*наряд, одежда*) пушок, либос, сарутан; (*украшение*) зинат, ороиш, зевар 2. *перен.* парда; **лес в зи́мнем ~е** ҷангали барфпӯш ◇ **головно́й ~** каллапуш, кулоҳ, телпак, қалпоқ, тоқӣ

убори́ст||ый, -ая, -ое (уборист, -а, -о) зич, ҷафс; **~ая строка́** сатри зич

убо́рка *ж* (*по знач. гл.* **убра́ть** 4, 7) ҷамъоварӣ, ҳосилғундорӣ; рӯбучин кардан(и), ба тартиб овардан(и)

убо́рная *ж* 1. ҳоҷатхона, обхона 2. *театр.* хонаи либоспӯшии артистон

убо́рочн||ый, -ая, -ое 1. *с.-х.* ...и ҷамъоварӣ, ...и ҳосилғундорӣ; **~ый сезо́н** мавсими ҳосилғундорӣ; **~ые маши́ны** мошинҳои ҳосилғундорӣ 2. *в знач. сущ.* **убо́рочная** *ж* ҳосилғундорӣ; **пое́хать на ~ую** ба ҳосилғундорӣ рафтан

убо́рщик *м* фаррош

убо́рщица *ж* фаррошзан

убоя́ться *сов. кого-чего уст. теперь шутл.* ваҳмидан; **~ тёмного ле́са** аз ҷангали торик ваҳмидан

убра́нство *с* ороиш, зинат, зебу зинат; **~ до́ма** ороиши хона; **пра́здничное ~ го́рода** зебу зинати идонаи шаҳр; **~ коня́** афзоли асп

убра́ть *сов.* 1. *кого-что* бардоштан, бурдан, дур кардан, баровардан; хориҷ кардан; **~ стол из ко́мнаты** мизро аз хона баровардан 2. *что* кам (кутоҳ, танг) кардан; **~ подо́л пла́тья на два сантиме́тра** домани куртаро ду сантиметр кутоҳ кардан 3. *что* бардоштан, партофтан, баровардан; **~ две главы́ из по́вести** аз повесть ду бобро партофтан; **~ из спи́ска отсу́тствующих** ғоибонро аз руйхат баровардан // (*уничтожить*) нест (маҳв) кардан, куштан 4. *что с.-х.* ғундоштан, ҷамъ овардан, ҳосилро ғундоштан; **~ к сро́ку хлеб** ғалларо дар муддаташ ғундоштан 5. *что* ҷудо кардан, бароварда партофтан, гирифтан; **~ вёсла** белҳои қаикро гирифтан; **~ паруса́** бодбонҳоро фуровардан 6. *что* пинҳон кардан, ғундошта гирифтан, гирифта ба ҷои дигар мондан; **~ бума́ги в стол** қоғазҳоро ғундошта ба даруни ғалладони стол мондан 7. *что* рӯбучин кардан, ба тартиб овардан; **~ ко́мнату** хонаро рубучин кардан 8. *кого-что уст. и прост.* зебу зинат додан, оро (ороиш) додан; **~ неве́сту** арусро ороиш додан; **~ поко́йника** ба мурда либос пушондан 9. *кого-что* оро (зинат, ороиш) додан; **~ портре́т цвета́ми** суратро бо гулҳо оро (зинат) додан

убра́ться *сов.* 1. *разг.* рафтан; **не пора́ ли нам ~ отсю́да?** магар вақти аз ин ҷо рафтани мо нашуд? 2. *с чем разг.* ғунучинро тамом кардан, ғундошта шудан; **спеши́ть ~ с хле́бом** ба дарави ғалла шитоб кардан 3. *разг.* ба тартиб даровардан, рубучин кардан, ҷо ба ҷо кардан; **~ в ко́мнате** хонаро ба тартиб даровардан; **дере́вья убра́лись и́неем** дарахтҳо қирав бастанд // *уст.* (*нарядно оде́ться*) худро оростан, либосҳои зебо пӯшидан 4. *разг.* ғунҷидан, ҷойгир шудан, ҷо ба ҷо шудан; **ве́щи свобо́дно убра́лись в чемода́н** чизҳо дар ҷомадон бемалол ҷо ба ҷо шуданд

убрести́ *сов.* суст қадам монда рафтан, оҳиста рафтан

убру́с *м уст. и обл.* саргирак, уребчӣ

убу́хать *сов. что прост.* исроф карда дан

убыва́ние *с* (*по знач. гл.* **убы́ть**) кам (паст) шудан(и)

убыва́ть *несов. см.* **убы́ть**

у́быль *ж* 1. (*в количестве, размере*) камшавӣ, тангшавӣ, хурдшавӣ; (*в уровне*) пастшавӣ, фурӯравӣ 2. зн.

зарар, товон; **возместить ~** товон додан ◇ **идти (пойти) на ~** кам (паст) шудан, фуромадан; **вода пошла на ~** об кам шуд; **дни пошли на ~** рӯзҳо ба кутоҳшавӣ сар карданд

убыстрение *с* (*по знач. гл.* **убыстрить**) тезонидан(и), суръат додан(и); (*по знач. гл.* **убыстриться**) тез шудан(и), суръат ёфтан(и)

убыстрить *сов. что* тезонидан, суръат додан; **~ ход** ҳаракатро тезонидан; **~ темпы** суръатро баланд кардан

убыстри||ться *сов.* тез шудан, суръат ёфтан; **течение воды ~лось** ҷараёни об тез шуд

убыстрять *несов. см.* **убыстрить**

убыстряться *несов.* 1. *см.* **убыстриться**; 2. *страд.* тез карда шудан, суръат дода шудан

убыт||ок *м* зиён, зарар; **нести ~ок** зарар кашидан (дидан); **торговать с ~ком** аз савдо зарар дидан; **быть в ~ке** зарар (зиён) кашидан

убыточность *ж* фоидаовар набудан(и); **~ предприятия** фоидаовар набудани муассиса (корхона)

убыточн||ый, -ая, -ое (убыточ|ен, -на, -но) зараровар, бефоида, зиёновар, барзарар; **~ая продажа** фурухти барзарар; **это дело ~ое** ин кор бефоида аст

убыть *сов.* 1. *(в количестве)* кам шудан; *(в размере)* хурд шудан, танг шудан; *(в уровне)* паст шудан (фуромадан); **вода убыла** сатҳи об паст шуд; **народу убыло** мардум кам шуд 2. рафтан, баромада рафтан; **~ в отпуск** ба отпуск рафтан ◇ **не убудет** *кого прост.* ҳеҷ чизе кам намешавад; **от этих слов тебя не убудет** аз ин гапҳо ҳеҷ кучои ту кам намешавад

уважаемый, -ая, -ое 1. *прич.*, *прил.* мӯҳтарам, гиромӣ; **~ товарищ** рафиқи мӯҳтарам 2. *в знач. сущ.* **уважаемый** *м*, **уважаемая** *ж уст. теперь ирон.* тақсир; **подвиньтесь, ~!** он тарафтар шинед, тақсир!

уважать *несов.* 1. *кого-что* эҳтиром (ҳурмат, иззат) кардан, мӯҳтарам донистан, гиромӣ доштан; **~ национальное достоинство** иззати миллатро эҳтиром кардан; **~ чужой труд** ба қадри меҳнати касе расидан; **заставить себя ~** сазовори иззату ҳурмати касе шудан 2. *прост. что (любить)* нағз дидан

уважени||е *с* эҳтиром, ҳурмат, иззат; **~е личности** ҳурмати шахс; **~е прав человека** ҳурмати ҳуқуқи инсон; **достойный ~я** шоистаи ҳурмат; **оказывать ~е кому-л.** касеро мӯҳтарам шумурдан; **питать ~е к кому-л.** касеро иззату ҳурмат кардан; **пользоваться ~ем** шоистаи ҳурмат гардидан; **свидетельствовать ~е** *кому уст.* изҳори ҳурмат кардан; **сделать что-либо из ~я к кому-л.** барои иззати (ба ҳурмати) касе кореро кардан

уважительность *ж* 1. эътиборнокӣ, сабабнокӣ, асоснокӣ, муътабарӣ; **~ причины** эътиборнокии сабаб 2. эҳтиром, иззат (ҳурмат); **он говорил с особой ~ю** ӯ бо эҳтироми махсус гап мезад

уважительн||ый, -ая, -ое (уважите|лен, -льна, -льно) 1. асоснок, маъқул, боэътибор, муътабар; **~ый довод** далели боасос 2. боэҳтиром; **~ое отношение** муносибати боэҳтиром 3. *прост.* соҳибэътибор, сазовори ҳурмату иззат; **~ый парень** ҷавони соҳибэҳтиром

уважи||ть *сов. разг.* 1. *кого-что* ба эътибор гирифтан, ба назар гирифтан, пазируфтан, қабул кардан; **я ~л вашу просьбу** ман илтимоси шуморо қабул кардам 2. *кого* ҳурмат (эҳтиром, иззат) кардан; **уважьте старика** мӯйсафедро ҳурмат кунед

увал *м* 1. теппа, қир; **лесистые ~ы в Сибири** теппаҳои ҷангалпуши Сибирь 2. *обл. (выбоина на дороге)* чақар-чуқури роҳ

увалень *м разг.* лаванд, дамбал

уваливать I *несов. см.* **увалить**

уваливать II *несов. см.* **увалять**

увалистый, -ая, -ое (увалист, -а, -о) 1. *разг.* ...и чақар-чуқури роҳ 2. *прост. (о походке, поступи)* саланг-саланг

увалить *несов. обл.* 1. кач (хам) кардан 2. ғарам (туда) кардан 3. *мор.* аз роҳи рост майл кардан

увалка *ж* намадмолӣ; **~ валяной обуви** истеҳсоли пойафзоли намадин

увалять *сов. что* 1. *обл. и спец.* намад молидан 2. *прост.* ифлос (чиркин) кардан, доғдор кардан

увар *м см.* **уваривание**

уваривание *с* (*по знач. гл.* **уварить**) ҷӯшонда пухтан(и), ҷӯшонда қуюқ кардан(и); (*по знач. гл.* **увариться**) ҷӯшида-ҷӯшида пухтан(и), ҷӯшида-ҷӯшида қуюқ шудан(и)

уваривать *несов. см.* **уварить**

увариваться *несов.* 1. *см.* **увариться**; 2. *страд.* ҷӯшонда пухта (пазонда) шудан

уварить *сов. что* 1. *разг.* ҷӯшонда пухтан (пазондан); **~ мясо** гӯштро ҷӯшонда пухтан 2. ҷӯшонда кам кардан, ҷӯшонда қуюқ кардан; **~ сироп** шарбатро ҷӯшонда қуюқ кардан

увари||ться *сов.* 1. *разг.* ҷӯшида-ҷӯшида пухтан 2. ҷӯшида кам шудан, ҷӯшида қуюқ шудан; **суп сильно ~лся** шӯрбо ҷӯшида-ҷӯшида хеле кам шудааст

уварка *ж см.* **уваривание**

уведомитель *м* хабардиҳанда, огоҳкунанда

уведомительница *женск. к* **уведомитель**

уведомительн||ый, -ая, -ое огоҳӣ, хабар; **~ое письмо** огоҳинома

уведомить *сов. кого-что* огоҳӣ додан, огоҳ (хабардор) кардан

уведомление *с* 1. (*по знач. гл.* **уведомить**) огоҳ (хабардор) кардан(и); огоҳӣ додан(и) 2. хабарнома, огоҳинома

уведомлять *несов. см.* **уведомить**

уведомляться *несов. страд.* огоҳ (хабардор) карда шудан, огоҳонида шудан

увез||ти *сов.* 1. *кого-что* бурдан, кашондан, гирифта бурдан *(савора)*; ҳамроҳ гирифта бурдан; **вещи ~ли в город** чизҳоро ба шаҳр кашонданд; **мать ~ла меня к родным** модарам ҳамроҳи худ маро ба пеши хешу таборон гирифта бурд 2. *кого-что* дуздида бурдан, пинҳонӣ гирифта рафтан (бурдан); **~ти чужие вещи** чизҳои касеро дуздида бурдан

увековечение *с* (*по знач. гл.* **увековечить**) ҷовидонӣ гардондан(и), абадӣ кардан(и)

увековечивать *несов. см.* **увековечить**

увековечиваться *несов.* 1. *см.* **увековечиться**; 2. *страд.* ҷовидонӣ гардонда шудан, абадӣ карда шудан; мустаҳкам (сахт, устувор) карда шудан

увековечить *сов. кого-что* 1. ҷовидонӣ гардонидан, абадӣ кардан; **~ память героев** хотираи қаҳрамононро абадӣ кардан 2. мустаҳкам (сахт, устувор, пойдор) кардан

увековечиться *сов.* 1. ҷовидонӣ (абадӣ) шудан, то абад дар хотир мондан 2. мустаҳкам (сахт, устувор) шудан

увеличение *с* (*по знач. гл.* **увеличить**) калон (дароз, васеъ) кардан(и), вусъат додан(и); зиёд (баланд) кардан(и); (*по знач. гл.* **увеличиться**) калон (дароз, васеъ) шудан(и), вусъат ёфтан(и); зиёд (баланд) шудан(и), афзудан(и); **~ выпуска продукции** зиёд кардани маҳсулот; **~ скорости** баланд шудани суръат; **произвести ~ капиталовложений** маблағгузориро зиёд кардан

увеличивать *несов. см.* **увеличить**

увеличиваться *несов.* 1. *см.* **увеличиться**; 2. *страд.* калон (дароз, васеъ) карда шудан; зиёд (баланд) карда шудан

увеличитель *м фото* калонкунанда *(асбобе, ки бо он ҳаҷми предмет калон карда нишон дода мешавад)*

увеличительн||ый, -ая, -ое *опт.* пурбин; **~ое стекло** пурбин

увеличить *сов. что* 1. калон (дароз, васеъ) кардан, вусъат додан; **~ портрет** суратро калон кардан 2. зиёд (баланд) кардан; **~ скорость** суръатро баланд кардан; **~ беспокойство** ташвишро зиёд кардан

увеличи||ться *сов.* 1. калон (дароз, васеъ) шудан; вусъат ёфтан 2. зиёд (баланд) шудан, афзудан; **семья ~лась** оила зиёд шуд; **выпуск продукции ~лся** истеҳсоли маҳсулот зиёд шуд; **опасность ~лась** хатар афзуд

увенчание *с* (*по знач. гл.* **увенчать** 1) сарафроз кардан(и); мукофотонида шудан(и)

увенча||ть *сов. кого-что* 1. *чем уст. поэт.* сарафроз кардан; **~ть победителя лавровым венком** фотеҳро бо тоҷи ифтихор мукофотонидан 2. *что* тамом кардан, ба итмом расондан; **здание ~ли башней** биноро бо манора ба

итмом расониданд ◇ ~ть славой машхур кардан

увенча́||ться *сов.* 1. *чем уст. поэт.* сарафроз шудан 2. *перен.* ба анҷом расидан, анҷом ёфтан, тамом шудан; **труд ~лся успе́хом** меҳнат бо муваффақият анҷом ёфт

уве́нчивать *несов. см.* **увенча́ть**

уве́нчиваться *несов.* 1. *см.* **увенча́ться;** 2. *страд.* сарафроз карда шудан; тамом карда шудан

увере́ние *с* боваркунонӣ, дилпуркунӣ; ~ **в дру́жбе** изҳори дӯстӣ

уве́ренно *нареч.* қатъӣ; дилпурона

уве́ренност||ь *ж* 1. қатъӣ будан(и), устуворӣ, далерона будан(и); **~ь похо́дки** қатъӣ будани қадамгузорӣ 2. боварии қатъӣ, эътимод, дилпурӣ; **~ь в свои́х си́лах** боварии қатъӣ ба қувваи худ; **быть в по́лной ~и** боварии комил доштан

уве́ренн||ый, -ая, -ое (уве́|рен, -ренна, -ренно, *при употр с доп.* -рена) 1. қатъӣ, устувор, далерона; **~ый шаг** қадами қатъӣ; **у него́ ~ая рука́** вай дасти ҳузарб дорад 2. дилпур, боваридошта; **мать уве́рена в его́ правоте́** модараш ба ҳақ будани у боварӣ дорад; **~ый отве́т** ҷавоби дилпурона; **он уве́рен в себе́** вай ба худ мутмаин аст ◇ **бу́дь(те) уве́рен(ы)** хотирҷамъ бош(ед)

увери́тельный, -ая, -ое *уст. книжн.* мӯътамад

уве́рить *сов. кого в чём* бовар кунондан; ~ **в свое́й и́скренности** изҳори садоқат кардан ◇ **сме́ю вас** ~ боварии комил дошта бошед

уве́риться *сов. в чём* бовар кардан, боварӣ ҳосил кардан; ~ **в пре́данности дру́га** ба содиқ будани дӯсти худ боварӣ ҳосил кардан

увериу́ть *сов. что* тофтан, тоб додан, тофта паст (кам) кардан; ~ **фити́ль в ла́мпе** пилтаи чароғро тофта паст кардан

уверну́ться *сов.* 1. чапғалат додан; ~ **от уда́ра** чапғалат дода шатта нахӯрдан 2. *перен.* чапғалат додан, гурехтан, рӯй гардондан, рӯй тофтан; ~ **от опа́сности** аз хатар гурехтан

уве́ровать *сов. в кого-что книжн.* имон овардан

увёрт||ка *ж* макр, ҳила, найранг, баҳона; **ло́вкая ~ка** ҳила; **говори́те пря́мо, без ~ок** рӯйрост гап занед

увёртливость *ж* 1. чобукӣ, чусту чолокӣ, чакконӣ 2. *перен.* ҳилагарӣ, найрангбозӣ, фиребгарӣ

увёртливый, -ая, -ое (увёртлив, -а, -о) 1. чобук, чусту чолок, чаккон 2. *перен.* ҳилагар, найрангбоз, фиребгар

увёртывать(ся) *несов. см.* **уверну́ть(ся)**

увертю́ра *ж муз.* сарахбор, даромад

уверя́ть *несов. см.* **уве́рить**

уверя́ться *несов.* 1. *см.* **уве́риться;** 2. *страд.* бовар кунонда шудан

увеселе́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **увеселя́ть**) дилхуш (хурсанд) кардан(и), дилкушоӣ 2. *чаще мн.* **увеселе́ния** тамошо, сайр, хурсандӣ

увесели́тель *м* ширинсухан, базлагӯ, шух

увесели́тельн||ый, -ая, -ое дилкушо, фараҳбахш, сурурангез; **~ая прогу́лка** сайри дилкушо

увесели́ть *сов. см.* **увеселя́ть**

увеселя́ть *несов. кого-что* дилхуш (шодмон, хурсанд) кардан, дил кушодан; ~ **пу́блику** тамошобинонро хурсанд кардан

увеселя́ться *несов.* 1. хурсандӣ (шодмонӣ, дилхушӣ) кардан 2. хурсанд (дилхуш) карда шудан

уве́систость *ж* 1. вазнинӣ, гаронӣ, қорӣ; ~ **уда́ра** қорӣ будани зарба 2. *перен* сахтӣ, базарбагӣ, шиддатнокӣ

уве́сист||ый, -ая, -ое (уве́сист, -а, -о) *разг* 1. бисьёр вазнин, гарон, сангин; **~ая покла́жа** бори бисьёр вазнин 2. *перен* бисьёр сахт, базарба, шиддатнок; **~ый уда́р** зарбаи сахт

уве||сти́ *сов. кого-что* 1. бурдан, гирифта бурдан, ҳамроҳ бурдан; **~сти́ дете́й в тень** бачаҳоро ба соя бурдан; **тропи́нка ~ла́ в глубь ле́са** пайраҳа ба даруни ҷангалзор бурд 2. *перен.* дур бурдан, гирифта бурдан; **воспомина́ния ~ли́ его́ в де́тство** у ғарқи хотирот шуда, айёми бачагиашро ба ёд овард 3. дуздидан, дуздида бурдан; **~сти́ ло́шадь** аспро дуздида бурдан

уве́тливый, -ая, -ое (уветлив, -а, -о) *уст. и прост.* ширинзабон, кушодарӯй, меҳрубон

уве́чить *несов. кого-что* маъюб (маиб, маслук) кардан

уве́читься *несов.* 1. маъюб (маиб, маслук) шудан 2. *страд.* маъюб (маиб) карда шудан

уве́чный, -ая, -ое (уве́ч|ен, -на, -но) *уст* 1. маъюб, маиб, маслук, чулоқ 2. *в знач. сущ.* **уве́чный** *м,* **уве́чная** *ж* маъюб, маслуқ, маиб, чулок

уве́чье *с* маъюбӣ, маибӣ, маслукӣ, чӯлокӣ; **получи́ть** ~ маиб шудан; **нанести́** ~ маъюб кардан

уве́шать *сов. кого-что чем* овехта рупӯш кардан, пӯшидан; ~ **сте́ны карти́нами** ба девор бисьёр суратҳо овехтан

уве́шаться *сов. чем* ба худ овехтан, ба худ овезон кардан; ~ **бу́сами** ба худ марҷон (шадда) овехтан

уве́шивать *несов. см.* **уве́шать**

уве́шиваться *несов. страд.* овехта шудан, овезон карда шудан

увеща́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **увеща́ть**) насиҳатдиҳӣ, панддиҳӣ; розӣ кардан(и) 2. панд, насиҳат

увеща́тель *м уст. книжн.* носеҳ

увеща́тельный, -ая, -ое *уст. книжн.* пандомезона

увеща́ть *несов. кого* насиҳат (панд) додан, насиҳат кардан, розӣ кардан, ягон гапро маъқул кунондан

увещева́ние *с см.* **увеща́ние**

увещева́тель *м см.* **увеща́тель**

увещева́тельный, -ая, -ое *см.* **увеща́тельный**

увещева́ть *несов. см.* **увеща́ть**

увива́ть *несов см* **уви́ть**

увива́||ться *несов* 1. *см.* **уви́ться;** 2. *перен. разг* аз паси касе гаштан, овезон шудан; **кот ~ется за по́варом** гурба аз паси ошпаз мегашт 3. *перен.* ором намондан, ошиқ (хушдор) шудан 4. *страд.* печонда (пушонда) шудан

увида́ть *сов. разг. см.* **уви́деть**

увида́ться *сов. разг. см.* **уви́деться**

уви́де||ть *сов.* 1. *кого-что* дидан; **~ть следы́ на песке́** нақши поро дар рӯи рег дидан 2. дарк кардан, фаҳмидан, донистан, ҳис кардан; **он ~л, что оши́бся** вай хато карданашро фаҳмид ◇ **~ть свет** 1) таваллуд ёфтан, ба олам омадан 2) пайдо шудан, ба вуҷуд омадан; чоп шудан; **уви́дим** *или* **поживём — уви́дим** саломатӣ бошад, мебинем; сонӣ маълум мешавад

уви́д||еться *сов. с кем и без доп.* вохурдан, дучор шудан, ҳамдигарро дидан, мулоқот кардан; **мы ~имся за́втра** пагоҳ ҳамдигарро мебинем

уви́ливать *несов. см.* **увильну́ть;** ~ **от рабо́ты** аз кор гурехтан

увильну́ть *сов.* 1. чапғалат додан, рӯй гардондан 2. *перен* гурехтан, гардан тофтан; ~ **от отве́тственности** аз масъулият гардан тофтан

уви́||ть *сов. что* печондан, печонда гирифтан; пӯшонидан; **виногра́д ~л вера́нду** ток айвонро печонда гирифт

уви́ться *сов.* печидан, печонда гирифтан

увлажне́ние *с* (*по знач гл.* **увлажни́ть**) тар (нам) кардан(и); (*по знач. гл.* **увлажни́ться**) тар (нам) шудан(и)

увлажни́тель *м* таркунанда, намкунанда

увлажни́||ть *сов. что* тар (нам) кардан; **дождь ~л зе́млю** борон заминро нам кард

увлажни́||ться *сов.* тар (нам) шудан; **по́чва ~лась** замин нам шуд

увлажня́ть *несов. см.* **увлажни́ть**

увлажня́ться *несов.* 1. *см.* **увлажни́ться;** 2. *страд.* тар (нам) карда шудан

увлека́тельно *нареч.* бо иштиёқ, ҳавасангез(она), шавқовар(она); **он ~ расска́зывает** ӯ бо иштиёқ нақл мекунад

увлека́тельность *ж* ҳавасангезӣ, шавқоварӣ, бо иштиёқ будан(и)

увлека́тельн||ый, -ая, -ое (увлекате|лен, -льна, -льно) ҳавасангез, шавқовар, ҷозиб, дилкаш; **~ое заня́тие** машғулияти шавқовар

увлека́ть *несов. см.* **увле́чь**

увлека́ться *несов.* 1. *см.* **увле́чься;** 2. *страд.* муштоқ карда шудан

увлека́ющ||ийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* иштиёқманд 2. *прил.* муштоқ; **~аяся нату́ра** одами муштоқ 3. (*влюбчивый*) ошиқпеша

увлече́ние *с* саргармӣ, шавқу завқ; **с ~м расска́зывать** бо шавқу завқ нақл кардан; **с ~м танцевать** бо шавқу завқ рақсидан 2. шавқу ҳавас, шавқу марок, иштиёқ; ~ **спо́ртом** иштиёқи варзиш

увлечённо *нареч.* бо шавқу завқ, бо

ҳавас, бо иштиёқ; **люди работали** ~ мардум бо шавқу завқ кор мекард

увлечённость *ж* 1. иштиёқманд; ~ **делом** иштиёқи кор 2. ошиқӣ, дилбохтагӣ, шайдоӣ

увлечённый, -ая, -ое 1. *прич.* иштиёқманд 2. *прил.* муштоқ

увлечь *сов.* 1. *кого-что* гирифта бурдан, кашола карда бурдан, аз ақиби худ кашидан; **течение увлекло лодку** ҷараёни об завракро гирифта бурд; **он увлёк меня в сад** у маро ҳамроҳи худ ба боғ бурд 2. *кого перен.* ба худ ҷалб кардан; **лектор увлёк слушателей** лектор диққати шунавандагонро ба худ ҷалб кард 3. *перен.* мафтун кардан, дили *касеро* рабудан, шайдо кардан

увлечься *сов.* 1. бурда шудан, ба ҳаракат омадан 2. *чем* муштоқ (саргарм) шудан; ~ **футболом** ба бозии футбол муштоқ шудан; ~ **разговором** саргарми суҳбат шудан // *без доп.* ба шавқ омадан; **он увлёкся и стал говорить громко** у ба шавқ омада бо овози баланд гап задан гирифт 3. *кем* ошиқ (мафтун) шудан, шайдо гардидан

увод *м* (*по знач. гл.* **увести**) бурдан(и), ҳамроҳ бурдан(и)

уводить *несов. см.* **увести**

уводиться *несов. страд.* бурда шудан; дуздида шудан

увозить *несов. см.* **увезти**

увозиться *несов. страд.* бурда шудан, кашонда бурда шудан

уволакивать *несов. см.* **уволочь**

уволакиваться *несов. страд.* кашида (кашола карда) бурда шудан

уволить *сов. кого* 1. бекор (холӣ) кардан, аз кор озод кардан 2. *чаще повел.* **уволь(те)** халос кун(ед), озод кун(ед); **увольте меня от его посещений** маро аз дидори у халос кунед

уволиться *сов.* холӣ (озод, халос) шудан; ~ **в запас** *воен.* ба запас баромадан

уволочь *сов. кого-что* 1. кашида (кашола карда) бурдан, кашолакунон бурдан 2. *прост.* дуздида бурдан

увольнение *с* (*по знач. гл.* **уволить**) бекор (озод) кардан(и), азкорбарорӣ, озод (хориҷ) кардан(и); ~ **со службы** аз хизмат озодкунӣ

увольнительн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҷавобдиҳӣ, ...и озодкунӣ аз коре; ~**ое удостоверение** *то же что* **увольнительная**; 2. *в знач. сущ.* **увольнительная** *ж* рухсатнома (*ҳуҷҷати аз хизмати ҳарбӣ муваққатан озод будан*); **получить** ~**ую на воскресенье** ба рӯзи якшанбе рухсатнома гирифтан

увольнять *несов. см.* **уволить** I

увольняться *несов.* 1. *см.* **уволиться**; 2. *страд.* бекор (озод) карда шудан, хориҷ карда шудан

увраж *м* китоби мусаввар

уврачевать *сов. кого-что уст.* муолиҷа кардан; ~ **рану** ҷароҳатро муолиҷа кардан // *перен.* (*исцелить*) шифо додан, шифо бахшидан; ~ **душу** рӯҳ бахшидан

увы *межд.* афсус, ҳайф, ҳайфо, дареғо; **увы, я не успел с ним увидеться** афсус, ки ман уро дида натавонистам; **увы, надежды нет** ҳайф, умед нест; **увы и ах!** *шутл.* ҳайфо, дареғо!, сад дареғ!

увядание *с* (*по знач. гл.* **увянуть**) пажмурда (хазон) шудан(и), суст (заиф) шудан(и)

увядать *несов. см.* **увянуть**

увядш||ий, -ая, -ее 1. *прич.* пажмурдашуда, хазоншуда 2. *прил.* пажмурда, хазоншуда, бетароват; ~**ие листья** баргҳои пажмурда 3. *прил. перен.* пиршуда, бетароват; ~**ее лицо** руи бетароват

увязать I *сов. что* 1. бастан, барбастан; ~ **чемоданы** ҷомадонҳоро бастан; ~ **вещи в узел** чизҳоро буғча карда бастан; ~ **посылку** посылкаро бо таноб бастан 2. *перен.* вобаста (мувофиқ) кардан, алоқадор кардан; ~ **теорию с практикой** назарияро бо амалия вобаста кардан; ~ **отдельные вопросы** масъалаҳои алоҳидаро вобаста кардан

увязать II *несов. см.* **увязнуть**

увяза||ться *сов.* 1. баста шудан, печонда баста шудан; **вещи хорошо** ~**лись** чизҳо хуб баста шуд 2. *с чем перен.* вобаста (мувофиқ) шудан, алоқадор шудан 3. *за кем-чем, с кем перен. разг.* рафтан, овезон (кашол) шуда рафтан; **за нами** ~**лись пчёлы** аз паси мо оруҳои асал мепариданд

увязить *сов. что прост.* ғутидан, фуру рафтан, дармонондан

увязиться *сов. прост. см.* **увязнуть**

увязк||а *ж* бастан(и), буғча кардан(и); мувофиқат, алоқамандӣ, вобастагӣ; **на** ~**у планов нужно время** барои мувофиқати планҳо вақт лозим аст

увязнуть *сов.* 1. *прям., перен.* ғутидан, фуру рафтан, дармондан; ~ **в болоте** дар ботлоқ мондан 2. *перен.*: **я увяз в расчётах** ман дар ҳисобу китоб дармондам; **он увяз в долгах** у ба қарз ғутид

увязывание *с см.* **увязка**

увязывать *несов. см.* **увязать** I

увязываться *несов.* 1. *см.* **увязаться**; 2. *страд.* баста шудан, буғча карда шудан; вобаста (алоқадор, мувофиқ) карда шудан

увянуть *сов.* 1. пажмурда (хазон, бетароват) шудан 2. *перен.* суст (заиф) шудан; бетароват (пир) шудан

угадать *сов.* 1. *что* пай бурдан, ёфтан, тахмин карда ёфтан, фаҳмидан, дарк кардан; ~ **чьи-л. намерения** нияти касеро пай бурдан 2. *кого уст.* шинохтан, донистан, дарьёфтан 3. ёфтан, фаҳмидан, муқаррар кардан; **это твой рисунок? — Ты угадал!** ин расми ту? — Ёфтӣ!

угадчик *м* ёбанда, ҷавобдиҳанда

угадчица *женск. к* **угадчик**

угадывание *с* (*по знач. гл.* **угадать**) пайбарӣ, фаҳмидан(и), дарк кардан(и)

угадывать *несов. см.* **угадать**; ~ **людей** *несов.* одамонро шинохтан, мардумро донистан

угадыва||ться *несов.* 1. маълум (зоҳир) шудан, фаҳмида шудан; **в нём** ~**ется большая сила** зур будани ӯ маълум мешуд 2. *страд.* пай бурда (фаҳмида, тахмин карда) шудан

угар I *м* 1. ғубор, ғубори ангишт; **отравление** ~**ом** заҳролудшавӣ аз ғубори ангишт 2. касалии ғубор, ҳолати ғуборзадагӣ; **признаки** ~**а** аломатҳои касалии ғубор 3. *перен.* ҷунун; **любовный** ~ ҷунуни ишқ; **пьяный** ~ ҷунуни мастӣ; **милитаристский** ~ ҷунуни ҷанг

угар II *м тех.* сақат

угарно 1. *нареч.* ғуборолуд, пурғубор 2. *в знач. сказ.* ғуборолуд аст; **здесь бывает** ~ ин ҷоро ғубор мегирад

угарн||ый I, -ая, -ое 1. ғуборолуд, пурғубор, ғубордор; ~**ый запах** бӯи ғуборолуд, буи ғубордор; ~**ое помещение** бинои ғуборолуд 2. *перен.* ҷунуномез, мастона; ~**ое веселье** базми ҷунуномез ◇ ~**ый газ** гази карбон

угарный II, -ая, -ое *тех.* ...и сақат

угасание *с* (*по знач. гл.* **угаснуть**) хомӯш шудан(и); хомушшавӣ, мурдан(и), заъф; ~ **сил** заъфи қувва

угасать *несов. см.* **угаснуть**

угасить *сов. что уст.* 1. хомӯш кардан, куштан 2. *перен.* пахш (зер) кардан

угас||нуть *сов.* 1. (*об огне*) хомӯш шудан, мурдан; **свеча** ~**ла** шамъ мурд; (*о дне, звёздах*) хира (торик, тира) шудан; **день угас** рӯз торик шуд; ~**ли звёзды** ситораҳо тира шуданд 2. *перен.* хомӯш кам (суст, хира) шудан; **любовь его** ~**ла** муҳаббати ӯ суст шуд; **жизнь** ~**ла** умр ба охир расид // (*умереть*) вафот кардан; (*о звуках*) хомӯш (ором, сокит) шудан, паст шудан; **сам собою угас разговор** суҳбат худ аз худ қатъ гардид

угле- *қисми якуми калимаҳои мураккаб ба маънои «ангишт»*: **угледобыча** истихроҷи ангишт; **угленасос** ангишткаш, насоси ангишт

углеводный, -ая, -ое *биол., хим.* ...и карбогидратҳо; ~ **обмен** мубодилаи карбогидратҳо

углеводородн||ый, -ая, -ое *хим.* ...и карбогидрид; ~**ые соединения** пайвастҳои карбогидрид

углеводороды *мн.* (*ед.* **углеводород** *м*) карбогидридҳо

углеводы *мн.* (*ед.* **углевод** *м*) *биол., хим.* карбогидратҳо

углевоз *м* 1. *уст.* (*рабочий*) ангишткаш 2. *мор.* киштии ангишткашон

угледобывающ||ий, -ая, -ее ангишткан; ...и истихроҷи ангишт; ~**ая промышленность** саноати истихроҷи ангишт

углежжение *с* ангиштсӯзӣ

углежог *м* ангиштгар

углекислота *ж хим.* ангидриди карбон

углекисл||ый, -ая, -ое *хим.* ...и ангидриди карбон; ~**ый газ** гази ангид-

риди карбон; **~ые со́ли** намакҳои карбонат

углеко́п *м уст.* ангишткан

угленакопле́ние *с геол.* ангиштҷамъшавӣ *(процесси пайдоиши конҳои ангишт)*

углеио́сность *ж геол.* серангишт будан(и)

угленосн||ый, -ая, -ое ангиштдор; **~ые пласты́** қабатҳои ангиштдор; **~ый бассе́йн** ҳавзаи ангишт

углепогру́зочн||ый, -ая, -ое ...и ангиштборкунӣ, ангиштборкунанда; **~ая маши́на** мошини ангиштборкунӣ

углепромы́шленность *ж* саноати истихроҷи ангиштсанг

углепромы́шленный, -ая, -ое ...и саноати истихроҷи ангиштсанг; **~ райо́н** мавзеи саноати истихроҷи ангиштсанг

углеро́д *м хим.* карбон

углеро́дн||ый, -ая, -ое *хим.* ...и карбон; **~ые соедине́ния** пайвастҳои карбон; **~ые а́томы** атомҳои карбон

углова́тость *ж* 1. киррадорӣ; **~ фо́рмы** қиррадории шакл 2. *перен.* лавандӣ, нозеб (дағал) будан(и); **~ движе́ний** нозеб будани ҳаракат

углова́т||ый, -ая, -ое (угловат, -а, -о) 1. қиррадор, серқирра; кач; **~ый ка́мень** санги серкирра 2. *перен.* кӯпал, дағал(она), лаванд(она); **~ые движе́ния** ҳаракати лаввндона 3. *перен.* шармин; **~ый ма́льчик** бачаи шармин

углов||о́й, -ая, -ое 1. кунҷшакл 2. гӯшагӣ, ...и гуша; ...и кунҷ; **~о́й шкаф** ҷевони кунҷи хона; **~о́й дом** хонаи хамгашти куча 3. *тех.* ...и гӯша, ...и кунҷ, кунҷӣ, гушагӣ; **~а́я ско́рость** суръати кунҷӣ ◊ **~о́й уда́р** *спорт.* туби кунҷӣ

углозу́бые *мн. зоол.* кунҷдандонҳо *(гуруҳи ҷонварони думдори дубаҳра)*

угломер *м тех.* зовиясанҷ

угломе́рн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и зовиясанҷ; **~ые инструме́нты** асбобҳои зовиясанҷ

углуби́ть *сов. что* 1. чуқур (чуқуртар) кандан, чуқуртар кардан; **~ ров** хандақро чуқуртар кандан; **~ ша́хту** конро чуқуртар кардан 2. *перен.* чуқуртар (амиқтар) кардан; **~ зна́ния** донишро чуқуртар кардан; **~ разла́д** низоъро чуқуртар кардан 3. чуқуртар куфтан, чуқуртар гурондан, фуру равондан; **~ шест** ходаро чуқуртар гурондан

углуби́||ться *сов.* 1. чуқуртар шудан; **вспа́шка ~лась** шудгор чуқуртар шуд 2. *перен.* амиқтар шудан, афзудан; **~лось изуче́ние строе́ния мате́рии** омӯзиши сохти модда амиқтар шуд; **его́ интере́сы ~лись** шавқу ҳаваси у амиқтар шуд; **не́нависть ~лась** кина афзуд 3. чуқуртар фуромадан, пасттар (дарунтар) рафтан; **землеко́пы ~лись в грунт** заминканҳо чуқуртар фуромаданд; **~ться в лес** ба пешгоҳи ҷангал рафтан 4. *во что перен.* дода шудан, фуру рафтан, ғарқ шудан; **~ться в чте́ние** ғарқи хониш шудан ◊ **~ться в себя́** ба фикру хаёл фуру рафтан

углубле́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **углуби́ть)** чуқуртар кандан(и), чуқуртар кардан(и); *(по знач. гл.* **углуби́ться)** чуқуртар шудан(и); **~ ру́сла реки́** чуқуртар кардани маҷрои дарьё; **~ проце́сса разря́дки** тақвияти ҷараёни пастшавии шиддати вазъияти байналхалқӣ 2. чуқурӣ, пастхамӣ 3. *мор.* нишасти киштӣ дар об, дараҷаи ғутиши киштӣ

углублённость *ж* ҷиддият, асоснокӣ; **~ игры́ арти́ста** ҷиддияти бозии артист

углублённый, -ая, -ое 1. *прич.* чуқуртар кардашуда (кандашуда), амиқтар кардашуда 2. *прил.* чуқуртар куфта (гуронда) шуда, дар чуқурӣ буда 3. *прил. перен.* чуқур, амиқ, ҷиддӣ, асос; **~ ана́лиз да́нных** таҳлили амиқи маълумот

углубля́ть *несов. см.* **углуби́ть**

углубля́ться *несов.* 1. *см.* **углуби́ться**; 2. *страд.* чуқуртар канда (карда) шудан

угляде́ть *сов.* 1. *что прост.* дидан, назар андохтан 2. *за кем-чем и без доп.* назорат (нигоҳубин, дидбонӣ) кардан

угна́ть *сов.* 1. *кого-что* рондан, ҳай кардан, ҳай карда бурдан; **~ ста́до в лес** подаро ба беша ҳай кардан; **~ соста́в на запа́сный путь** поездро ба роҳи эхтиётӣ ҳай кардан 2. *разг.* дуздидан, дуздида бурдан; **~ коня́** аспро дуздида бурдан 3. *прост.* ҳай кардан, рондан, фиристодан; **~ в плен** ба асирӣ гирифта бурдан

угна́ться *сов. за кем-чем чаще с отриц.* 1. давида расидан; **за ним не ~** ба вай давида расидан мумкин нест 2. *перен.* баробар шудан; **за э́той ткачи́хой никто́ не мог ~** ба ин бофандазан касе баробар шуда натавонист

угнезди́ться *сов. разг.* ҷойгир шудан

угнета́тель *м* золим, ситамгар

угнетательница *женск. к* **угнета́тель**

угнета́тельск||ий, -ая, -ое золимона, ситамгарона; **~ая поли́тика империали́стов** сиёсати золимонаи империалистон

угнета́||ть *несов. кого-что* 1. зулм (ситам) кардан; **поме́щики ~ли крестья́н** помещикон ба деҳқонон зулму ситам мекарданд 2. *перен.* зиқ (ғамгин, рӯҳафтода) кардан

угнета́ться *несов. страд.* зулм (ситам) карда шудан

угнета́ющ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* зулмкунанда, ситамкунанда, ҷабркунанда 2. *прил.* малулкунанда, азиятдиҳанда, бад, вазнин; **производи́ть ~ее впечатле́ние** таассуроти бад бахшидан

угнете́ние *с.* 1. *(по знач. гл.* **угнета́ть)** зулм (ситам) кардан(и) 2. ғамгинӣ, руҳафтодагӣ, афсурдахотирӣ

угнетённость *ж* 1. мазлумӣ 2. рӯҳафтодагӣ, ғамгинӣ

угнетённ||ый, -ая, -ое (угне|тён, -тена́, -тено́) 1. мазлум; **~ые наро́ды** халқҳои мазлум 2. *перен.* рӯҳафтода, ғамгин; **быть в ~ом состоя́нии** рӯҳафтода будан

уговаривать *несов. см.* **уговори́ть**

угова́риваться *несов.* 1. *см.* **уговори́ться**; 2. *страд.* розӣ кунонда шудан

угово́р *м* 1. *чаще мн.* бовар (розӣ, моил) кардан(и), гап маъқул кардан(и); **согласи́ться по́сле до́лгих ~ов** баъд аз суханҳои зиёде розӣ шудан; **он не поддаётся никаки́м ~ам** ба вай ҳеҷ гап маъқул кунонда намешавад 2. *разг.* аҳду паймон, шарту шароит, қавлу қарор; **~ доро́же де́нег** *посл.* ≈ дур шиканаду сухан нашиканад; **де́йствовать по ~у** аз рӯи аҳду паймон амал кардан; **я согла́сен, но с таки́м ~ом...** ман розӣ, фақат бо чунин шарт ...; **про́тив на́шего ~а** бар акси аҳду паймони мо

уговори́||ть *сов. кого* 1. *с неопр.* гап зада розӣ (моил) кардан, бовар кунондан, ягон гапро маъқул кунондан; **он ~л друзе́й не спо́рить** у дӯстонро розӣ кунонд, ки баҳс накунанд 2. *разг.* алда кардан; **ребёнок раскрича́лся, и мать не могла́ его́ ~ть** кудак ба гирья даромад, аммо модараш ӯро ҳеҷ алда карда натавонист

уговори́||ться *сов.* қарор додан, шарт кардан, ба як қарор омадан, аҳду паймон кардан; **мы ~лись обе́дать вме́сте** мо қарор додем, ки якҷоя хӯрок хурем

уговорчивый, -ая, -ое (уговорчив, -а, -о) *разг.* гапдаро, қобил

уго́д||а *ж*: **в ~у кому́-л.** ба хотири касе; **в ~у вам** ба хотири шумо

угоди́||ть *сов.* 1. *кому-чему и на кого-что* хуш омадан, мақбул (маъқул) шудан, писандида шудан; **ему́ тру́дно ~ть** ба у писанд омадан душвор; **на всех не ~шь** *погов.* дили ҳамаро ёфтан мушкил 2. *разг.* афтида мондан, дармондан; **~ть пря́мо в ру́ки неприя́теля** рост ба дасти душман афтида мондан 3. *разг.* бархурдан, дакка хурдан (задан), расидан; **он ~л лбом в заго́родку** пешонааш ба тавора дакка хурд 4. *разг.* задан, расидан; **~ть мячо́м в окно́** тасодуфан туб ба тиреза задан; **в него́ ~ла пу́ля** ба у тир расид; **~ть ка́мнем в стекло́** санг гурронда оинаро задан

уго́дливо *нареч.* хушомадгуёна, ҷоплусона, тамаллуқкорона

уго́дливость *ж* хушомадгуи, ҷоплусӣ, тамаллуқкорӣ; **така́я ~ ей неприятна** чунин хушомадгуӣ ба у намефорад

уго́длив||ый, -ая, -ое (уго́длив, -а, -о) хушомадгу(ёна), лаганбардор(она), ҷоплус(она), тамаллуқкор(она); **говори́ть ~ым то́ном** бо оҳанги тамаллуқкорона гап задан

уго́дник *м* 1. *разг. уст.* лаганбардор, ҷоплус, хушомадгуй, тамаллуқкор 2. *рел.* пайғамбар, авлиё ◊ **да́мский ~** занакабоз

уго́дница *женск. к* **уго́дник**

уго́дничать *несов. разг.* хушомадгӯӣ (лаганбардорӣ, ҷоплусӣ, тамаллуқкорӣ) кардан

угодничество *с* хушомадгуй, лаганбардорй, чоплусй, тамаллуқкорй

угодно 1. *в знач. сказ. кому* лозим (даркор) аст; **что вам** ~? чй мехоҳед?, ба шумо чй лозим?; **как вам** ~ ихтиёр ба шумо, майлатон; **не** ~ **ли?** магар лозим нест? **2.** *частица в сочет. с мест. и нареч.:* **как** ~ чи тавре ки хоҳед; фарқ надорад; **где** ~ куҷое ки бошад; **какой** ~ чи хеле ки хоҳед; **когда** ~ кай ки бошад, ҳамеша; **кто** ~ ҳар кас; **сколько** ~ чй қадаре ки хоҳед, ҳар қадар лозим бошад; **что** ~ чй ки хоҳед, ҳар чиз ◇ **если** ~ *в знач. вводн. сл.* агар хоҳед, хоҳиш дошта бошед; **если** ~ **собранию, я зачитаю протокол** агар аҳли маҷлис хоҳиш дошта бошад, ман қарорро мехонам; **сколько душе** ~ ба қадри дилхоҳ, ҳар қадар ки хоҳй

угодн||ый, -ая, -ое (угод|ен, -на, -но) *кому* **1.** маъқул, мақбул, писандида, дилхоҳ; **общественные порядки,** ~**ые народу** тартиботи ҷамъиятии ба халқ мақбул **2.** *уст.* маъқул, даркор, соз

угодь||е *с:* **земельные** ~**я** киштзор; **лесные** ~**я** ҷангалзор; **охотничьи** ~**я** шикоргоҳ

угождать *несов. см.* **угодить**

угождение *с* **1.** (*по знач. гл.* **угодить**) хуш омадан(и), мақбул (маъқул) шудан(и) **2.** *уст.* (*поступок*) тамаллуқ

угол *м* **1.** кунҷ, гуша, зовия, бурчак; ~ **стола** кунҷи миз; ~ **дома** бурчаки хона; **в углу** дар кунҷ; ~ **двора** кунҷи ҳавлй; **забиться в** ~ дар кунҷ паноҳ шудан; **ходить из угла в** ~ аз ин кунҷ ба он кунҷи хона гаштан **2.** хамгашти кӯча; **стоять на углу** дар хамгашти кӯча истодан; **завернуть за угол** ба хамгашти кӯча гузаштан; **он вышел из-за угла** у аз хамгашти кӯча баромад **3.** *мат.* кунҷ, гуша; **прямой** ~ кунҷи рост; **тупой** ~ кунҷи кунд; **острый** ~ кунҷи тез; ~ **прицела** кунҷи нишонгирй **4.** хона, манзил, макон, паноҳгоҳ; **иметь свой** ~ сарпаноҳ доштан, манзил доштан; **снимать** ~ хона иҷора гирифтан **5.** *перен.* маҳал, ҷой, мавзеъ, ҷои дур; **жить в глухом углу** дар ҷои дурдаст зистан **6.** *карт.* чорьяки пули ба қимор мондашуда ◇ **красный (передний)** ~ *уст.* пешгоҳи хона; **медвежий** ~ *уст.* гушаи дурдасти хилват; **из-за угла напасть (убить** *и т. п.*) ногаҳон ҳамла кардан (куштан *ва ғ.*); **под углом** каҷ шуда; **говорить (шептаться) по углам** миш-миш (гап) кардан; **прижать (припереть) в** ~ мулзам кардан; **сгладить (стереть) острые углы** зиддиятро бартараф кардан; **ставить в** ~ ҷазо додан (*одатан кудаконро дар кунҷи хона рост монда*); **ставить что-л. во главу угла** чизеро ба мадди аввал гузоштан

уголёк *м* **1.** *ласк. к* **уголь; 2.** лахча

уголовник *м* ҷинояткор

уголовница *женск. к* **уголовник**

уголовн||ый, -ая, -ое **1.** ҷиноятй, ...и ҷиноят, ҷиной; ~**ый преступник** ҷинояткор **2.** ...и ҷиноят; ~**ая ответственность** ҷавобгарии ҷиноятй, ҷавобгарй барои ҷиноят; ~**ое преступление** ҷиноят; ~**ый кодекс** кодекси ҷиноятй; ~**ое право** ҳуқуқи ҷиноятй; ~**ое следствие** тафтиши ҷиноят ◇ ~**ый розыск** шуъбаи кофтукови ҷиноят; ~**ая хроника** ахбори ҷиноят

уголовщина *ж разг.* **1.** ҷиноят, ҷинояткорй **2.** *собир.* ҷинояткорон

угол||ок *м* **1.** *уменьш. к* **угол;** ~**кй платка** кунҷҳои (гушаҳои) руймол **2.** гушаи хилват; **найти себе** ~**ок** барои худ гушаи хилвате пайдо кардан **3.** гуша; ~**ок живой природы** гушаи табиати зинда; **красный** ~**ок** гушаи сурх

уголь *м* ангишт; **каменный** ~ ангиштсанг; **бурый** ~ ангишти тира; **древесный** ~ ангишти чуб; **активированный** ~ *хим.* ангишти ҷаззоб; **горящие угли** лахча ◇ **белый** ~ қувваи об; **как на угольях (углях) быть (сидеть)** дар болои сузан нишастагй барин

угольник *м* **1.** (*инструмент*) ҷадвали секунҷа, хаткашаки секунҷа **2.** (*накладка*) гунья **3.** *уст.* (*полка или шкаф*) рафи сегуша, токчаи сегуша

-угольник *м қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «кунҷ, гуша»:* **четырёхугольник** чоркунҷа

угольно-металлургическ||ий, -ая, -ое ...и ангишту металлургия; ~**ая база страны** базаи ангишту металлургияи мамлакат

угольн||ый, -ая, -ое **1.** ...и ангишт, ...и ангиштсанг; ~**ая пыль** ҷанги ангишт, хокаи ангиштсанг; ~**ые пласты** қабатҳои ангиштсанг; ~**ая промышленность** саноати истихроҷи ангишт; ~**ый бассейн** ҳавзаи ангиштсанг; ~**ая шахта** кони ангишт; ~**ый комбайн** комбайни ангишт; ~**ый электрод** электроди ангиштин **2.** ...и сиёҳқаламй; ~**ый рисунок** расми сиёҳқаламй

угольный, -ая, -ое **1.** *см.* **угловой 1, 2; 2.** *в знач. сущ.* **угольная** *ж уст.* (*угловая комната*) хонаи дар канори (гушаи) иморат буда

-угольный, -ая, -ое *қисми дуйуми калимаҳои мураккаб ба маънои «кунҷ, кунҷа, гуша»:* **треугольный** секунҷа; **пятиугольный** панҷкунҷа, панҷгуша

угольщик *м* **1.** (*рабочий*) ангишткан, коргари саноати ангишт **2.** (*торговец*) ангиштфуруш

угольщица *женск. к* **угольщик**

угомон *м прост.:* **на него** ~**у нет** вай беқарор аст

угомонить *сов. кого разг.* ором (хомуш) кардан

угомони||ться *сов. разг.* **1.** ором шудан, қарор гирифтан, чим шудан; **дети** ~**лись** бачагон ором шуданд **2.** *перен.* ором гирифтан, мондан; **ветер** ~**лся за ночь** шамол шабона монд **3.** *перен.* (*о чувствах*) суст (паст) шудан

угомонять *несов. см.* **угомонить**

угомоняться *несов.* **1.** *см.* **угомониться; 2.** ором (хомуш) карда шудан

усло́вн||ый, -ая, -ое 1. *тк. полн. ф.* шартӣ, машрут; **~ый язы́к** забони шартӣ; **~ое наказа́ние** ҷазои шартӣ 2. нисбӣ, ғайриҳақиқӣ 3. шартӣ, тахминӣ; **~ая ли́ния меридиа́на** хати шартии меридиан 4. *иск.* рамзӣ; **~ый жест** ишорати рамзӣ 5. *тк. полн. ф. грам.* шартӣ; **~ый сою́з** пайвандаки шартӣ ◇ **~ый рефле́кс** рефлекси шартӣ

усложне́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **усложни́ть**) мураккаб (душвор, мушкил) кардан(и); (*по знач. гл.* **усложни́ться**) мураккаб (душвор мушкил) шудан(и)

2. мураккаби, мушкилӣ, душворӣ; **возникло новое ~** мушкилии нав руй дод

усложнённость *ж* мураккаби, душворӣ, мушкилӣ; **~ решения задачи** душвории ҳалли масъала

усложнённый, -ая, -ое 1. *прич.* мураккаб (душвор, мушкил) кардашуда 2. *прил.* бисьёр мураккаб, душвор, мушкил

усложнить *сов. что* мураккаб (душвор, мушкил) кардан; **~ работу** корро душвор кардан

усложниться *сов.* мураккаб (душвор, мушкил) шудан

усложнять *несов. см.* **усложнить**

усложняться *несов.* 1. *см.* **усложниться;** 2. *страд.* мураккаб (душвор, мушкил) карда шудан

услуг||а *ж* 1. хизмат, ёрӣ, мадад, ёрдам, ёрмандӣ; **оказать ~у** ёрӣ расондан, ёрдам кардан; **предлагать свой ~и** дасти ёрӣ дароз кардан 2. *мн.* **услуги** хизматрасонӣ; **коммунальные ~и** хизматрасонии коммуналӣ ◇ **медвежья ~а** хизмати хирсона; **готовый (готов) к ~ам** *уст.* камина, банда *(дар охири мактуб пеш аз имзо навишта мешуд)*; **к вашим (твоим) ~ам** ба хидмат тайёр, ба хизмати шумо гайёрам

услужени||е *с уст.* 1. хизмат, хизматгорӣ; **быть в ~и кого-л.** дар хизмати касе будан 2. *ирон.* мулозимат, хушомадгуӣ

услуживать *несов. уст.* 1. *см.* **услужить;** 2. дар хизмат будан

услужить *сов. кому* хизмат кардан, ёрӣ додан, мадад расондан

услужливо *нареч.* мададгорона, имдодгарона, боилтифотона

услужливость *ж* ҳозирхизматӣ, хизматрасонӣ, боилтифотӣ

услужливый, -ая, -ое (услужлив, а, -о) ҳозирхизмат, боилтифот

услыхать *сов. см.* **услышать**

услыша||ть *сов.* 1. *кого-что или с придат. доп.* шунидан; **~ть стук в дверь** тақ-тақи дарро шунидан 2. *что, о ком-чём, про кого-что или с придат. доп.* шунидан, донистан, бохабар шудан; **~ть новость** навигарӣ шунидан, хабари тоза шунидан 3. *кого-что (о животных)* ҳис кардан, пай бурдан, буй гирифтан; **собака ~ла дичь** саг буи сайдро гирифт 4. *что* ҳис (эҳсос) кардан; **~ть запах плова** буи палавро ҳис кардан

усматривать *несов. см.* **усмотреть**

усматриваться *несов.* 1. баҳо гузошта шудан, баҳо дода шудан, муайян шудан 2. *страд.* муайян (муқаррар) карда шудан

усмехаться *несов. см.* **усмехнуться**

усмехнуться *сов.* табассум кардан, лабханд кардан (шудан), хандида мондан

усмешк||а *ж* писханд, лабханд; **сказать с ~ой** бо писханд гуфтан

усмешливый, -ая, -ое (усмешлив, -а, -о) *разг.* бо лабханд, бо табассум, писханддор

усмирение *с* (*по знач. гл.* **усмирить**) ром кардан(и); ором кардан(и); фурунишонӣ, хомуш кардан(и); **~ мятежа** фуру нишондани исьён

усмиреть *сов. уст. см.* **усмириться**

усмиритель *м* ромкунанда, дастомӯзкунанда: оромкунанда, хомушкунанда

усмирительный, -ая, -ое оромкунанда, хомушкунанда, ...и оромкунӣ, ...и фурунишонӣ

усмирить *сов. кого-что* 1. ром (дастомуз, мутеъ) кардан; **~ зверя** ҳайвони ваҳширо ром кардан 2. *перен.* таскин додан; **~ своё волнение** ҳаяҷони дилро таскин додан 3. фуру нишондан, пахш (зер) кардан, хобондан; **~ восставших** исьёнгаронро пахш кардан

усмириться *сов.* 1. ром (дастомуз) шудан 2. *перен.* ором (паст, хомуш) шудан 3. *уст.* тан додан

усмирять *несов. см.* **усмирить**

усмиряться *несов.* 1. *см.* **усмириться;** 2. *страд.* ром (мутеъ) карда шудан; ором (хомуш) карда шудан

усмотрение *с книжн.* ихтиёр, мулоҳиза, салоҳдид, раъй; **оставить на чьё-л. ~** ба ихтиёри касе гузоштан

усмотре||ть *сов.* 1. *за кем-чем* нигох (нигоҳубин, нигохбонӣ, назорат) кардан 2. *кого-что разг.* дидан, муайян кардан, ёфтан; **трудно здесь ~ть трещину** дар ин ҷо шикофро дидан мушкил аст 3. *что в чём* муайян (муқаррар) карда дидан, шумурдан; **он ~л в этом промах** ин корро хато шумурд

уснастить *сов. что разг.* 1. таҷҳиз (таъмин) кардан 2. *перен.* ороиш (оро, зеб) додан, оростан

уснащать *несов. см.* **уснастить**

уснащаться *несов. страд.* таҷҳиз карда шудан; оро дода шудан

уснащение *с* (*по знач. гл.* **уснастить**) таҷҳиз кардан(и); ороиш, ородиҳӣ, зебузиннатдиҳӣ

уснащивать *несов. см.* **уснащать**

уснащиваться *несов. см.* **уснащаться**

усну||ть *сов.* 1. хобидан, хоб рафтан, хуфтан; **ребёнок ~л** бача хобидааст 2. *перен.* сокит шудан; **долина ~ла** водӣ сокит шуд 3. *(о рыбе)* мурдан ◇ **~ть вечным (последним) сном, ~ть навеки** чашм аз ҷаҳон пушидан

усобица *ж уст.* низоъ

усовершенствовани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **усовершенствовать**) мукаммал кардан(и), такмилдиҳӣ; (*по знач. гл.* **усовершенствоваться**) мукаммалшавӣ, такмильёбӣ 2. навигарӣ; **произвести ~я** навигариҳо даровардан

усовершенствованность *ж* мукаммалӣ, такомул

усовершенствованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* мукаммал (такмил) кардашуда 2. *прил.* мукаммал, такмильёфта; **~ая модель** модели мукаммал

усовершенствовать *сов. что* мукаммал кардан, такмил додан

усовершенствоваться *сов.* мукаммал шудан, такмил ёфтан

усовестить *сов. кого разг.* шарм дорондан, ҳиҷил кардан, ба инсоф овардан

усовеститься *сов. разг.* шарм доштан, хиҷил шудан, ба инсоф омадан

усовещивать *несов. см.* **усовестить**

усовещиваться *несов.* 1. *см.* **усовеститься;** 2. *страд.* хиҷил карда шудан

усол *м* (*по знач. гл.* **усолить**) очоронидан(и)

усолить *сов. что* очоронидан; **~ огурцы** бодирингро очоронидан

усолиться *сов.* очорӣ шудан

усолье *с уст.* кони намак

усомниться *сов. в ком-чём* ба шак (ба шубҳа) афтодан, шакку шубҳа кардан; **~ в подлинности происшествия** ба ростии воқеа шубҳа кардан

усопший, -ая, -ее *уст. прил. и в знач. сущ. м, ж* марҳум, раҳматӣ, мутаваффо

усох||нуть *сов.* 1. хушкида кам (сабук) шудан; **зерно ~ло** ғалла хушкида сабук шуд 2. *перен. разг.* хароб (лоғар) шудан 3. *разг.* хушк (қоқ) шудан, хушкидан

успеваемость *ж* нағз хондан(и), муваффақият; **~ учащихся** нағз хондани талабагон

успевать *несов.* 1. *см.* **успеть;** 2. нағз (бомуваффақият) хондан

успеется *сов. безл. разг.* мешавад-дия, гурехта намеравад

успение *с церк.* 1. аҷал, марг 2. реҳлат *(маросими марги биби Марьям)*

успе||ть *сов.* 1. *чаще с неопр.* дар вақташ иҷро кардан, дар вақташ ба ҷо овардан; дар вақташ расида рафтан, даст расидан; **я ~л на поезд** ман ба поезд дар вақташ расида рафтам; **~ть закончить сев** киштукорро дар вақташ тамом кардан 2. *уст.* комгор шудан ◇ **не ~ешь оглянуться, как...** ана-мана нагуфта...

успех *м* 1. муваффақият, пешрафт, барор, комьёбӣ; **добиться ~а** муваффақият ба даст даровардан; **полный ~** муваффақияти комил; **желаю вам ~а!** коратон барор гирад! 2. *мн.* **успехи** муваффақият, комьёбӣ, пешрафт; **делать ~и в математике** дар математика пешрав будан 3. мақбули ом; **книга имеет ~, книга пользуется ~ом** ин китоб мақбули ом шудааст ◇ **с ~ом** бе хеч мушкилӣ, бо осонӣ; **эту статью ты мог с ~ом прочитать ещё вчера** ту ин мақоларо рузи гузашта ҳам бо осонӣ хонда метавонистӣ; **с тем же (с таким же) ~ом** ҳамчунин

успешно *нареч.* бо муваффақият

успешность *ж* бо муваффақият будан(и); барорнокӣ

успешный, -ая, -ое (успеш|ен, -на, -но) бомуваффақият, бобарор; **~ ход работы** рафти бобарори кор

успокаивание *с* (*по знач. гл.* **успокоить**) тасаллодиҳӣ, таскиндиҳӣ, хотирҷамъ кардан(и)

успокаивать *несов. см.* **успокоить**

успокаиваться *несов.* 1. *см.* **успокоиться;** 2. *страд.* хотирҷамъ карда шудан; тасалло (таскин) дода шудан

успокоение *с* (*по знач. гл.* **успокоить**) хотирҷамъ кардан(и); тасаллодиҳӣ;

таскиндиҳӣ; (*по знач. гл.* **успоко́иться**) хотирҷамъшавӣ, таскиньёбӣ

успоко́енность *ж* хотирҷамъӣ, тасалло

успокои́тель *м* хотирҷамъкунанда; тасаллодиҳанда; таскиндиҳанда

успокои́тельница *женск. к* **успокои́тель**

успокои́тельн||ый, -ая, -ое (успокоите|лен, -льна, -льно) хотирҷамъкунанда, тасаллобахш; **~ое изве́стие** ахбороти тасаллобахш // *в знач. сущ.* **успокои́тельное** *с* доруи мусаккин, доруи тасаллобахш

успоко́и||ть *сов. кого-что* 1. ором (хомуш) кардан; тасалло додан; **~ть ребёнка** кудакро ором кардан 2. сабук (паст) кардан, таскин додан; **лека́рство ~ло боль** дору шиддати дардро паст кард

успоко́и||ться *сов.* 1. ором (хомуш) шудан; хотирҷамъ шудан; **мо́ре ~лось** баҳр ором шуд 2. сабук (паст) шудан, таскин ёфтан; **боль ~лась** дард сабук шуд

уста́ *мн. уст. поэт.* даҳон, даҳан, лаб; **с улы́бкой на ~х** бо лабони хандон; **целова́ть в ~** аз лаб бусидан ◇ **из уст в ~** аз даҳон ба даҳон; **на ~х у всех** вирди забони хама, дар даҳони ҳама; **вложи́ть в ~ кого́-л., чьи́-л., кому́-л.** касеро ба сухан овардан; **говори́ть чьи́ми-л. ~ми** суханн касеро изҳор кардан; **звуча́ть в чьи́х-л. ~х** аз даҳони касе сухан баромадан; **не сходи́ть с уст** вирди забон будан; **твои́ми (ва́шими) бы ~ми да мёд пить** *погов.* ≈ шакар ба даҳонатон; **узна́ть (услы́шать) из вторы́х (тре́тьих) уст** аз забони дигарон шунидан; **узна́ть (услы́шать) из пе́рвых уст** аз забони шоҳиди воқеа шунидан

уста́в *м* 1. устав, низомнома; **~ Коммунисти́ческой па́ртии Сове́тского Сою́за** устави Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ; **~ сельскохозя́йственно́й арте́ли** устави артели хоҷагии қишлоқ; **вое́нный ~** устави ҳарбӣ; **приде́рживаться ~а** ба устав риоя кардан 2. *чаще мн.* **уста́вы** *книжн.* қонуну қоида, кавоид 3. *(почерк)* устав *(навъи хати хонову бурро, ки бо он дастнависҳои қадимии лотинӣ, юнонӣ ва славянии русӣ навишта мешуданд)*

устава́ние *с* монда (хаста) шудан(и), хасташавӣ, мондашавӣ

устава́ть *несов. см.* **уста́ть**

уста́вить *сов. разг.* 1. *кого-что* чидан, гузоштан, чида ҷой гирондан, ғунҷондан; **~ прибо́ры на по́лку** асбобҳоро дар болои раф гузоштан 2. *что* чашм дӯхтан, назар бастан, бо диққат назар кардан; **~ глаза́ на портре́т** ба сурат чашм дӯхтан 3. *чем* чида пур кардан, қатор гузоштан, чида мондан; **~ по́лки кни́гами** рафҳоро китоб чида пур кардан

уста́ви||ться *сов. разг.* 1. ғунҷидан, ҷой гирифтан; **стол здесь не ~тся** стол дар ин ҷо намеғунҷад 2. *на кого-что* чашм духтан, бо диққат назар андохтан; **он ~лся на меня́ с удивле́нием** ӯ ба ман бо тааҷҷуб чашм дӯхт 3. *чем* пур шудан; **по́ле ~лось скирда́ми се́на** саҳро аз ғарамҳои хасбеда пур шудааст

уставля́ть *несов. см.* **уста́вить**

уставля́ться *несов.* 1. *см.* **уста́виться**; 2. *страд.* гузошта шудан, ҷо ба ҷо карда шудан, чида шудан

уста́вн||ый, -ая, -ое 1. ...и устав, ...и низомнома, уставӣ; **~ые зада́чи организа́ции** вазифаҳои ташкилот аз рӯи устав; **~ые положе́ния** нуктаҳои устав; **~ые предписа́ния** дастури устав; **~ые тре́бования** талаботи устав 2. ...и устав; **~ое письмо́** хати устав; *см.* **уста́в** 3

уста́ивать *несов. см.* **устоя́ть**

уста́иваться *несов. см.* **устоя́ться**

уста́ло *нареч.* монда (шалпар) шуда, аз ҳол рафта; **~ опусти́ться на скаме́йку** ба болои харак шалпар шуда нишастан; **он вы́глядит ~** у хаста менамояд

уста́лост||ь *ж* куфтагӣ, шалпарӣ, хастагӣ; **~ь по́сле доро́ги** кӯфтагии роҳ; **он не мог стоя́ть от ~и** ӯ аз хастагӣ рост истода натавонист; **не знать ~и** монда нашудан ◇ **~ь мета́лла** *тех.* фарсоиши металл

уста́л||ый, -ая, -ое мондашуда, куфташуда, монда, шалпар, хаста; **~ый челове́к** одами шалпар; **~ая душа́** дили шикаста

у́стал||ь *ж уст. и прост. см.* **уста́лость** ◇ **без ~и** монда нашуда, дам нагирифта

устана́вливать *несов. см.* **установи́ть**

устана́вливаться *несов.* 1. *см.* **установи́ться**; 2. *страд.* гузошта шудан, ҷо ба ҷо карда шудан; муқаррар карда шудан, ҷорӣ карда шудан

установи́ть *сов. что* 1. гузоштан, шинондан, мондан; соз (дуруст) кардан; **~ па́мятник** ҳайкал гузоштан; **~ термо́метр на ну́жную глубину́** термометрро дар чуқурии лозима гузоштан 2. барпо (ташкил, ҷорӣ) кардан 3. муқаррар (муайян, баркарор) кардан; **~ це́ну** нархро муқаррар кардан 4. барқарор кардан; **~ мир** сулҳу амниятро барқарор кардан 5. муайян (равшан) кардан; **~ фа́кты** далелҳоро муайян кардан 6. *чем прост.* ҷойгир кардан, гузоштан, монда (чида-чида) пур кардан

установи́||ться *сов.* 1. *прост.* ғунҷидан, ҷойгир шудан, ҷо ба ҷо шудан 2. барқарор (ҷорӣ, барпо) шудан, соз (дуруст) шудан; **~лся но́вый поря́док** тартиботи нав ҷорӣ шуд; **~лась тишина́** хомӯшӣ барқарор шуд; **пого́да ~лась** боду ҳаво хуб шуда рафт 3. ташаккул ёфтан, ба шакли муайян даромадан, пухта шудан; **у него́ го́лос ещё не ~лся** овози у ҳоло пухта нашудааст 4. *прост. см.* **уста́виться** 1

устано́вк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **установи́ть** 1) гузориш, гузоштан(и), шинондан(и); **~а турби́ны** гузоштани турбина 2. мошин, дастгоҳ, механизм; **силова́я ~а** дастгоҳи ҳаракатоварӣ 3. мақсад, манзур, мақсуд; **взять ~у на повыше́ние ка́чества** баланд бардоштани сифати маҳсулотро ба худ мақсад қарор додан 4. нишондод, дастур, директива; **~а из це́нтра** нишондоди марказ, дастур аз марказ

установле́ни||е *с* 1. (*по знач. гл.* **установи́ть** 2—5) барпо (барқарор, ҷорӣ, ташкил, муқаррар, муайян, равшан) кардан(и); **~е норм вы́работки** муқаррар кардани нормаи маҳсул 2. *уст. офиц.* устав, қонун, низом 3. *уст. офиц.* идора, орган; **суде́бные ~я** идораҳои суд

устано́вленн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* гузошташуда, шинондашуда; барпо кардашуда; барқарор (муайян) кардашуда 2. *прил.* муқаррар, муайян, мувофиқ, ҷорӣ; **по ~ой фо́рме** ба тарзи муайян, ба шакли муқаррарӣ

устано́вочн||ый, -ая, -ое 1. созкунанда, ҷобаҷокунанда, гузоранда; **~ый винт** мурвати ҷобаҷокунанда 2. дастурӣ; **~ые те́зисы** тезисҳои дастурӣ

устано́вщик *м* гузоранда, шинонанда

устарева́ть *несов. см.* **устаре́ть**

устаре́вший, -ая, -ее куҳна, куҳнашуда, аз даҳон монда; **~ ме́тод** усули куҳнашуда

устаре́лость *ж* кӯҳнагӣ, кӯҳна будан(и); **~ взгля́дов** кӯҳнагии ақидаҳо; **~ обору́дования** куҳнагии таҷҳизот

устаре́лый, -ая, -ое 1. *уст.* солхӯрда, пир, фартут, афгор, фарсуда 2. қадима, аз даҳон монда, куҳнашуда; **~ фасо́н** фасони кӯҳнашуда

устаре́||ть *сов.* 1. *уст.* пир (солхӯрда) шудан; кӯҳна шудан 2. куҳна шудан, аз даҳон мондан, аз истеъмол баромадан; **э́тот уче́бник ~л** ин китоби дарсӣ кӯҳна шуд

уста́||ть *сов.* монда (хаста, куфта) шудан; **он ~л с доро́ги** роҳ вайро хаста кард; **~ть от шу́ма** аз мағал монда шудан; **~ть от трево́г** аз ташвишҳо хаста шудан

устила́ть *несов. см.* **устла́ть**

устила́ться *несов.* 1. *см.* **устла́ться**; 2. *страд.* фарш (паҳн) карда шудан, густурда (пушонда) шудан

усти́лка *ж* (*по знач. гл.* **устла́ть**) фарш (паҳн) кардан(и), густурдан(и), пӯшондан(и)

устла́ть *сов. что* фарш (паҳн) кардан, андохтан, густурдан, пӯшондан; **~ пол ковро́м** ба руи хона гилем андохтан

устла́ться *сов. разг.* пушида шудан

у́стный, -ая, -ое даҳонакӣ, лафзӣ, шифоҳӣ; **~ экза́мен** имтиҳони даҳонакӣ

усто́д *м* устод

усто́||й *м* 1. асос, поя, такья; **~и моста́** пояҳои купрук 2. *чаще мн.* **~и** буньёд; **~и о́бщества** буньёди ҷамъият 3. *разг. (сливки)* қаймоқ; **~й молока́** қаймоқ

усто́йчиво *нареч.* устуворона, мустаҳкам, маҳкам, пойдорона, бо матонат; **столб ~ закреплён** сутун мустаҳкам шинонда шудааст

усто́йчивость *ж* устуворӣ, пойдорӣ, маҳкамӣ, матонат

усто́йчив||ый, -ая, -ое (усто́йчив, -а, -о) 1. устувор, пойдор, маҳкам, матин,

собит; ~ый **мостик** купрукчаи маҳкам; ~**ое равновесие** мувозанати устувор 2. *перен.* доимӣ, ҳамешагӣ, мукаррарӣ; ~**ая валюта** пули боқурб 3. *перен.* устувор, маҳкам, мустаҳкам, собит

устоя||ть *сов.* 1. истодан, истода тавонистан, понстан, поидан; ~**ть на ногах** сари по истодан 2. тоб овардан; **в урагáн дом** ~**л** хона ба туфон тоб овард 3. *перен.* суботкорӣ кардан, муқобилат (муқовимат, истодагарӣ) кардан; ~**ть перед искушением** ба васваса дода нашудан 4. тоб овардан, истодагарӣ кардан, таслим нашудан ◇ **не** ~**ть против кого-чего-л.** *уст.* ба касе, чизе баробар шуда натавонистан, ба кафши касе патак шуда натавонистан

устоя||ться *сов.* 1. *(о жидкости)* соф (таҳшин) шудан; **вода в ведре** ~**лась** оби сатил таҳшин шудааст 2. *разг.* тайёр шудан 3. *перен. разг.* тағьир наёфтан; **цены** ~**лись** нархҳо тағьир наёфтанд

устраивать *несов. см.* **устроить**

устраиваться *несов.* 1. *см.* **устроиться**; 2. *страд.* сохта шудан; барпо карда шудан; соз (дуруст) карда шудан; ҷой карда шудан, таъин карда шудан

устранение *с* (*по знач. гл.* **устранить**) бартараф кардан(и), дур (дафъ) кардан(и), нест кардан(и), барҳамдиҳӣ

устранить *сов.* 1. *что* бартараф кардан, дур (дафъ) кардан, нест кардан, барҳам додан; ~ **препятствия** монеаҳоро бартараф кардан; ~ **аварию** фалокати ногаҳониро бартараф кардан 2. *кого* аз кор гирифтан, аз кор хориҷ кардан; ~ **кого-л. от работы** касеро аз кор гирифтан

устраниться *сов.* 1. дур шудан, худро ба канор кашидан; ~ **от дела** худро аз коре ба канор кашидан 2. аз байн рафтан, нест шудан, ғайб задан

устранять *несов. см.* **устранить**

устраняться *несов.* 1. *см.* **устраниться**; 2. *страд.* бартараф (дур, дафъ) карда шудан, нест карда шудан, барҳам дода шудан

устрашать *несов. см.* **устрашить**

устрашаться *несов.* 1. *см.* **устрашиться**; 2. *страд.* тарсонда (ваҳмонда, ҳусонда) шудан

устрашающий, -ая, -ее воҳиманок, бадвоҳима; ~ **вид** намуди бадвоҳима

устрашение *с* (*по знач. гл.* **устрашить**) тарсондан(и), ҳусонидан(и)

устрашительный, -ая, -ое (устрашите|лен, -льна, -льно) *уст.* бимангез

устрашить *сов. кого-что* тарсондан, ҳаросонидан, ҳусонидан

устрашиться *сов. кого-чего* тарсидан, ваҳмидан, ҳаросидан, ҳусидан

устремить *сов. что* 1. *уст.* тез равона кардан, фиристонидан 2. равона кардан, нигарондан; ~ **свет фонаря на дорогу** равшании фонусро ба роҳ нигаронидан; ~ **глаза в потолок** ба шифти хона чашм дӯхтан 3. *перен.* ҷалб кардан, додан, равона (сафарбар) кардан; ~ **своё внимание на учителя** диққати худро ба муаллим ҷалб кардан; ~ **все силы на завершение работы** тамоми кувватро ба анҷоми кор сафарбар кардан

устреми||ться *сов.* 1. шитофтан, тохтан, давидан, зуд (тез) равон шудан; **вода** ~**лась в котловину** об ба ҳавза тез равон шуд 2. нигаронида шудан, тофтан, дӯхта шудан; **глаза всех** ~**лись на прохожего** чашмони ҳама ба роҳгузар дӯхта шуд 3. *перен.* мутаваҷҷеҳ (нигаронида, дода) шудан, фиристода шудан; **его мысли** ~**лись к будущему** фикри ӯ ба оянда мутаваҷҷеҳ шуд

устремлени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **устремиться**) зудравӣ, тохтан(и), шитофтан(и) 2. мақсад, ният, вазифа; **идейные** ~**я** нияти ғоявӣ

устремлённость *ж* нигаронида шудан(и), равона карда шудан(и), мутаваҷҷеҳ шудан(и)

устремлять *несов. см.* **устремить**

устремляться *несов.* 1. *см.* **устремиться**; 2. *страд.* тез равона карда шудан, фиристода шудан, нигаронда шудан

устрица *ж* садафак *(як хел моллюски хӯрданӣ)*

устричный, -ая, -ое ...и садафак; ~ **промысел** шикори садафак

устроение *с* 1. *книжн.* (*по знач. гл.* **устроить** 1) сохтан(и), соз кардан(и) 2. ба роҳ мондан(и), дуруст кардан(и) 3. *уст. (механизм, конструкция)* дастгоҳ 4. *уст. (строй)* сохт, тартибот

устроенн||ый, -ая, -ое (устроен, -а, -о) 1. *прич.* дуруст кардашуда, сохташуда, соз кардашуда 2. *прил.* дуруст, ботартиб; ~**ая жизнь** ҳаёти ботартиб

устроитель *м* ташкилкунанда, ташкилотчӣ

устроительница *женск. к* **устроитель**

устроить *сов.* 1. *что* сохтан, соз (бино) кардан; ~ **шалаш** чайла сохтан 2. чиҳозонидан, таҷҳиз кардан, бо асбобу анҷом таъмин кардан, барпо кардан 3. *что* ташкил (барпо, баркарор) кардан; ~ **выставку** выставка ташкил кардан 4. *что разг.* хезондан; ~ **скандал** ҷанҷол хезондан 5. *что* соз кардан, ба тартиб овардан, дуруст ташкил кардан 6. *кого-что* ҷой кардан, таъин кардан; ~ **ребёнка в ясли** бачаро ба ясли ҷой кардан 7. *кого* қаноат кунондан, маъқул шудан; **меня эта комната устроит** ин хона ба ман маъқул аст 8. *что разг.* баробар (тахт) кардан; **устрой мне это дело** ҳамин кори маро тахт кун

устрои||ться *сов.* 1. соз шудан, ба тартиб даромадан, дуруст шудан; **жизнь его** ~**лась** зиндагонии ӯ дуруст шуд; **это дело** ~**тся** ин масъала яктарафа мешавад 2. муқим шудан, ҷой гирифтан; **дайте время** ~**ться** фурсат диҳед, ки ман ҷой гирам 3. дохил шудан, даромадан; ~**ться на работу** ба кор даромадан

устройство *с* 1. (*по знач. гл.* **устроить** 1—3,5) сохтмон, сохтан(и), бино кардан(и), ташкил (барпо) кардан(и); дуруст (соз) кардан(и); ~ **своего быта** дуруст кардани зиндагонии худ; ~ **ребёнка в интернат** ҷой кардани кудак дар интернат 2. сохт, таркиб, конструкция, дастгоҳ; ~ **телевизора** сохти телевизор 3. сохт, тартибот; **государственное** ~ сохти давлатӣ 4. механизм, дастгоҳ, мошин, сохт; **регулирующее** ~ механизми танзим

уступ *м* зина, камар; **берег реки поднимается** ~**ами** соҳили дарьё зина-зина баланд мешавад; **на** ~**е горы** дар камари кӯҳ

уступать *несов. см.* **уступить**

уступаться *несов. страд.* гузашт карда шудан, бахшида шудан

уступительный, -ая, -ое *грам.* хилофӣ; ~ **союз** пайвандаки хилофӣ

уступи||ть *сов.* 1. *кого-что* гузашт кардан, бахшидан, додан; ~**ть место старику** ҷои худро ба пирамард додан 2. *кому-чему* розӣ (таслим) шудан, сар фуровардан, тан додан, ба гапи *касе* даромадан 3. *кому-чему чаще с отриц.* кам набудан, мондаӣ надоштан, бадтар набудан; **моя лодка не уступит твоей** каики ман аз каиқи ту мондаӣ надорад 4. *кого-что разг.* фурӯхтан; ~**те ваш билет** билетатонро ба ман фурӯшед 5. *кого-что* арзон фурӯхтан, гузашт кардан; арзонтар кардан; **я уступлю пять рублей** ман панҷ сум кам (арзонтар) мекунам ◇ ~**ть дорогу** *кому* роҳ (имконият) додан; ~**ть место** *чему* бадал шудан, табдил ёфтан; **испуг** ~**л место удивлению** ҷои тарсро тааҷҷуб гирифт

уступк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **уступить** 1, 2) гузашт, гузашт кардан(и) тандиҳӣ, сарфурорӣ 2. розигӣ, гузашт; **вынужденно идти на** ~**и** маҷбуран гузашт кардан 3. *(скидка в цене)* кам (арзон) кардан(и)

уступообразный, -ая, -ое (уступообраз|ен, -на, -но) зинашакл, зинадор

уступчатый, -ая, -ое (уступчат, -а, -о) зина-зина

уступчивость *ж* гапдарой, мулоимӣ, нармӣ

уступчивый, -ая, -ое (уступчив, -а, -о) мулоим, гапдаро, нарм; **он** ~ ӯ гапдарост

устыдить *сов. кого* шарм доронидан, хиҷил кардан

устыдиться *сов.* шарм кардан (доштан), хиҷил шудан

устыжаться *несов.* 1. *см.* **устыдиться**; 2. *страд.* шарм доронда шудан, хиҷолат кашонда шудан

устье *с* 1. резишгоҳ 2. даҳана, даҳан, даромадгоҳ; ~ **трубы** даҳани қубур

устьице *с* 1. *уменьш. к* **устье**; 2. *бот.* масомаи пусти растанӣ

усугубить *сов. что* дучанд (афзун) кардан, шиддат додан, зиёд (зӯр) кардан; ~ **внимание** диққатро дучанд кардан; ~ **вину** гуноҳро вазнинтар кардан

усугуби||ться *сов.* дучанд (афзун) шудан, шиддат ёфтан, зиёд (зӯр) шудан; **страдания больного** ~**лись** азоби касал зиёд шуд

усугубле́ние *с* (*по знач. гл.* **усугу́бить**) дучанд (афзун) кардан(и), шиддатдиҳӣ, зиёд (зур) кардан(и)

усугубля́ть *несов. см.* **усугу́бить**

усугубля́ться *несов.* 1. *см.* **усугу́биться;** 2. *страд.* дучанд (афзун) карда шудан, зиёд карда шудан

усуша́ть *несов. см.* **усуши́ть**

усуша́ться *несов.* 1. *см.* **усуши́ться;** 2. *страд.* хушк карда шудан, хушконида шудан

усуши́ть *сов. что* хушк кардан, хушконидан, бисьёр хушк кардан

усуши́ться *сов.* 1. хушк шудан, хушкидан 2. (*убавиться в весе*) хушкида костан

усу́шка *ж* костани вазн аз хушкидан; ~ **и утру́ска** *разг.* костани вазн аз рехтану хушкидан

усчита́ть *сов. что уст.* 1. шумурда тафтиш кардан, ҳисоб карда дидан 2. кам кардан (*дар вақти шумуридан*)

усчи́тывать *несов. см.* **усчита́ть**

усчи́тываться *несов. страд.* шумурда тафтиш карда шудан, кам карда шудан

усы́ *мн.* (*ед.* **ус** *м*) 1. мӯйлаб, бурут 2. *бот.* таноб, печак ◇ **кито́вый ус** дандони наҳанг; **и в ус [себе́] не ду́ет** *прост.* бепарво аст, парво намекунад; **мота́ть [себе́] на ус** ба хотир гирифтан, ба гӯш ҳалқа кардан; **мы и са́ми с уса́ми** худамон ҳам калла дорем

усыла́ть *несов. см.* **усла́ть**

усыла́ться *несов. страд.* фиристода шудан, равон (роҳӣ) карда шудан

усынови́тель *м* падархонд

усынови́ть *сов. кого* писар хондан, ба писарӣ қабул кардан

усыновле́ние *с* писархонд кардан(и)

усыновля́ть *несов. см.* **усынови́ть**

усыновля́ться *несов. страд.* писар хонда шудан, ба писарӣ қабул карда шудан

усыпа́льница *ж* дахма, мақбара

усы́па||ть *сов. кого-что* 1. пошидан, рехтан, чошидан 2. *перен.* фаро гирифтан, пушидан; **звёзды** ~**ли тёмное не́бо** осмони тира ситоразор шуд

усыпа́ть *несов. см.* **усы́пать**

усы́паться *сов.* 1. пош хӯрдан, пошида шудан 2. *перен.* пур шудан, пӯшонда шудан

усыпа́ться *несов.* 1. *см.* **усы́паться;** 2. *страд.* пӯшонда шудан, пур карда шудан

усыпи́тельный, -ая, -ое (усыпи́те|-лен, -льна, -льно) 1. *уст. тк. полн. ф.* (*снотворный*) хобовар, хобоваранда 2. (*скучный*) хобовар, зиқовар, дилгиркунанда; ~ **расска́з** ҳикояи зиқовар

усыпи́ть *сов.* 1. *кого* хоб равондан, хобондан; ~ **ребёнка** кӯдакро хобондан; ~ **больно́го пе́ред опера́цией** пеш аз амалиёти ҷарроҳӣ беморро хоб равондан 2. *что перен.* бартараф кардан; ~ **подозре́ния** шубҳаро бартараф кардан

усыпле́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **усыпи́ть**) хобондан(и) 2. *уст.* хоб

усыпля́ть *несов. см.* **усыпи́ть**

усыпля́ться *несов. страд.* хобонда шудан

усыпля́ющий, -ая, -ее 1. *прич.* хобовар 2. *прил. см.* **усыпи́тельный**

усыха́ть *несов. см.* **усо́хнуть**

у́ськать *несов. кого и без доп.* (*собак*) киш-киш додан, олакиш додан (*сагро*) // *кого перен. прост.* (*подстрекать*) тез кардан

ута́ивание *с* (*по знач. гл.* **утаи́ть**) пинҳон (руст) кардан(и)

ута́ивать *несов. см.* **утаи́ть**

ута́иваться *несов. страд.* пинҳон (руст) карда шудан

утаи́||ть *сов.* 1. *что* махфӣ (пинҳон, ниҳон) доштан; ~**ть пра́вду** ҳақиқатро пинҳон доштан 2. *кого-что* пинҳон (руст) кардан; **ши́ла в мешке́ не** ~**шь** *посл.* ≈ офтобро бо доман пӯшида намешавад 3. *что* (*тайно присвоить*) пинҳонӣ аз они худ кардан

утаи́ться *сов.* 1. *с отриц.* махфӣ (пинҳон, ниҳон) намондан; **э́тот разгово́р не утаи́лся** ин гап пӯшнда намонд 2. (*спрятаться*) руст (пинҳон) шудан

утаи́йк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **утаи́ть**) махфидорӣ, пинҳондорӣ, ниҳондорӣ; **скажи́ без** ~**и** пинҳон накарда гӯй 2. пинҳонкунӣ, русткунӣ, пинҳон (руст, ҷо) кардан(и), пинҳонӣ аз они худ кардан(и)

ута́птывать *несов. см.* **утопта́ть**

ута́птываться *несов.* 1. *см.* **утопта́ться;** 2. *страд.* лагадкӯб (лагадмол) карда шудан

ута́скивать *несов. см.* **утащи́ть**

ута́скиваться *несов.* 1. *см.* **утащи́ться;** 2. *страд.* кашида (кашола карда) бурда шудан

утача́ть *сов. что портн., сапожн.* дӯхта кӯтоҳ (танг) кардан

утача́ться *сов. портн., сапожн.* дӯхта кӯтоҳ (танг) шудан, хобонда шудан

ута́чивание *с* (*по знач. гл.* **утача́ть**) дӯхта кӯтоҳ кардан(и), дӯхта танг кардан(и)

ута́чивать *несов. см.* **утача́ть**

ута́чиваться I *несов.* 1. *см.* **утача́ться;** 2. *страд.* дӯхта танг (кӯтоҳ) карда шудан

ута́чиваться II *несов. страд.* тез намуда камбар карда шудан

утащи́||ть *сов. кого-что* 1. кашида бурдан, кашола карда бурдан; бурдан; ~**ть мешки́ в сара́й** лингаҳоро ба анбор кашола карда бурдан 2. *разг.* ҳамроҳи худ гирифта бурдан; **он** ~**л с собо́й все рису́нки** ӯ ҳамаи суратҳоро ҳамроҳи худ гирифта бурд 3. гирифта бурдан, кашола карда бурдан; **волна́** ~**ла весло́** мавҷи об бели қаикро гирифта бурд 4. *разг.* ҳамроҳ бурдан; **ма́льчик** ~**л това́рищей в сад** писарбача рафиқонашро бо худ ба боғ бурд 5. *разг.* (*украсть*) дуздидан

утащи́ться *сов. разг.* ба зӯр (бо душворӣ) рафтан

у́тварь *ж собир.* асбобу анҷом, бисот; **дома́шняя** ~ асбобу анҷоми рӯзгор, бисоти хона; **хозя́йственная** ~ асбобу анҷоми рӯзгор

утверди́тельно *нареч.* тасдиқкунон, ба таври эҷобӣ, ба таври мусбат; ~ **кивну́ть голово́й** тасдиқкунон сар ҷунбондан

утверди́тельность *ж* тасдиқкунандагӣ, қабулкунандагӣ

утверди́тельн||ый, -ая, -ое (утверди́те|лен, -льна, -льно) 1. тасдиқкунанда, мусбат, эҷобӣ; ~**ый отве́т** ҷавоби мусбат 2. *тк. полн. ф. грам., филос.* тасдиқкунанда, тасдиқӣ; ~**ая части́ца** ҳиссачаи тасдиқӣ; ~**ое предложе́ние** ҷумлаи тасдиқӣ

утверди́ть *сов.* 1. *уст. что* мустаҳкам (пойдор) кардан 2. *что* мустаҳкам (устувор, маҳкам) кардан; ~ **демокра́тию** демократияро мустаҳкам кардан 3. *что* ҳақ (ҳуқуқ) додан; ~ **пра́во за ке́м-л.** ба ягон кас ҳуқуқ додан 4. *в чём* бовар кунондан, эътимод (боварӣ) ҳосил кунондан 5. *что* тасдиқ кардан; ~ **прое́кт** лоиҳаро тасдиқ кардан 6. *кого* (*в должности, звании*) таъин кардан; ~ **в до́лжности секретаря́** ба вазифаи котибӣ таъин кардан

утверди́||ться *сов.* 1. *уст.* ҷой гирифтан, мустаҳкам (пойдор) шудан; қарор гирифтан 2. часпида мондан; **за ним** ~**лась э́та кли́чка** ин лақаб ба ӯ часпида монд 3. *в чём* бовар кардан, боварӣ ҳосил кардан, дилпур гаштан; ~**ться в э́той мы́сли** ба ин фикр боварӣ ҳосил кардан; ба ин фикр омадан

утвержда́||ть *несов. что* 1. *см.* **утверди́ть;** 2. *что* исбот (тасдиқ) кардан, исроркороиа гуфтан; **он** ~**л э́то всегда́** ӯ доимо инро исрор мекард

утвержда́ться *несов.* 1. *см.* **утверди́ться;** 2. *страд.* тасдиқ карда шудан; мустаҳкам (маҳкам) карда шудан

утвержде́ние *с* 1. (*по знач. гл.* **утверди́ть**) тасдиқ кардан(и), мустаҳкам (устувор, маҳкам) кардан(и), ҳақ додан(и); қабул (қарор) кардан(и); (*по знач. гл.* **утверди́ться**) мустаҳкам (устувор, пойдор) шудан(и); қарор гирифтан(и); ~ **в до́лжности** таъин кардан ба мансаб; ~ **пла́на** тасдиқи план; **внести́ на** ~ ба тасдиқ пешниҳод кардан 2. фикр, исбот; **пра́вильное** ~ фикри дуруст

утека́ть *несов. см.* **уте́чь**

утёнок *м* мурғобича

утёныш *м разг. см.* **утёнок**

утепле́ние *с* (*по знач. гл.* **утепли́ть**) гарм кардан(и)

утеплённый, -ая, -ое 1. *прич.* гарм кардашуда 2. *прил.* гарм, гармшуда

утепли́тель *м* гармкунак

утепли́тельный, -ая, -ое гармкунанда, гармдиҳанда

утепли́ть *сов. что* гарм кардан; ~ **сара́й** анборро гарм кардан

утепля́ть *несов. см.* **утепли́ть**

утепля́ться *несов. страд.* гарм карда шудан

утере́ть *сов. что* 1. пок кардан; ~ **слёзы** оби дидаро пок кардан 2. нағз пок кардан; ~ **лицо́ полоте́нцем** руйро бо сачоқ нағз пок кардан ◇ ~ **нос кому́-л.** *прост.* касеро ба як иӯл задан, аз касе пешдастӣ кардан

утерéться *сов.* пок карда шудан, пок кардан, руи худро пок кардан; ~ **полотéнцем** бо сачок дасту руи худро пок кардан

утерпé‖ть *сов.* худдорӣ (тоқат, сабр) кардан; **он не ~л и зáдал вопрóс** у худдорӣ карда натавониста савол дод; **трýдно бы́ло ~ть, чтóбы не рассмея́ться** ад ханда худдорӣ кардан душвор буд

утéря *ж* гум кардан(и); гум шудан(и)

утеря́ть *сов. что* 1. гум кардан; ~ **бумáжник** капчуқро гум кардан 2. аз даст додан, маҳрум шудан; ~ **надéжду** ноумед шудан

утеря́ться *сов.* гум шудан

утёс *м* шах, харсанг, кухпора

утеснéние *с уст. и прост.* ситам, ҷабр, ҷавр

утесни́тель *м уст.* ситамгар, золим, ҷабркунанда

утесни́ть *сов. кого-что* 1. *прост.* фишор додан, тазьиқ кардан 2. *прост.* зичтар (ҷафстар) ҷойгир кардан 3. *уст. перен.* (зулм, ситам, ҷабр) кардан

утесни́ться *сов. разг.* зич шуда ҷой гирифтан, танг шудан

утесня́ть *несов. см.* **утесни́ть**

утесня́ться *несов.* 1. *см.* **утесни́ться**; 2. *страд.* ситам (зулм) карда шудан; зичтар (ҷафстар) ҷойгир карда шудан

утéха *ж* 1. дилхушӣ, нашъа, кайфу сафо 2. *см.* утешéние 2

утéчка *ж* ихроҷ; ~ **гáза** ихроҷи газ; ~ **информáции** ихроҷи маълумот

утéчь *сов.* 1. ихроҷ шудан, баромада (шорида, рехта) кам шудан 2. *перен.* гузаштан; **гóды уте́кли́** солҳо гузаштанд 3. *перен. прост.* гурехта халос шудан ◇ **мнóго воды́ утеклó** чандин харбузапазӣ гузашт

утешáть *несов. см.* **утéшить**

утешáться *несов.* 1. *см.* **утéшиться**; 2. *страд.* тасаллӣ дода шудан, дилдорӣ (дилбардорӣ) карда шудан

утешéние *с* 1. (*по знач. гл.* **утéшить**) тасалло, дилбардорӣ; (*по знач. гл.* **утéшиться**) тасалло ёфтан(и) 2. *(лицо, предмет)* тасаллои дил

утеши́тель *м* ғамгусор

утеши́тельница *женск. к* **утеши́тель**

утеши́тельность *ж* тасаллобахшӣ

утеши́тельн‖ый, -ая, -ое (утеши́те[-лен, -льна, -льно) тасаллобахш; ~**ое** *извéстие хабари тасаллобахш*; ~**ый отвéт** ҷавоби тасаллобахш

утéшить *сов. кого-что* 1. тасалло додан, дилдорӣ (дилбардорӣ) кардан; ~ **ребёнка** кӯдакро дилдорӣ кардан 2. *разг.* дилхуш (шод, хурсанд) кардан

утéшиться *сов.* 1. тасалло (таскин) ёфтан 2. *кем-чем* дилхуш (хурсанд, шод, хуррам) шудан

утéшный, -ая, -ое 1. *см.* **утеши́тельный**; 2. тасаллобахш

утилизáтор *м* 1. мошини партовтозакунӣ 2. *(работник)* партовгар *(коркуни заводи партовтозакунӣ)*

утилизáторский, -ая, -ое ...и партовтозакунӣ

утилизáторство *с* партовтозакунӣ, истифодаи партов

утилизациóнный, -ая, -ое ...и партовтозакунӣ, ...*и истифодаи партов*; ~ **цех** цехи партовтозакунӣ

утилизáция *ж* истифодаи партовҳо

утилизи́ровать *сов., несов. что* истифода бурдани партовҳо

утилизи́роваться *несов. страд.* истифода бурда шудани партовҳо

утилитари́зм *м* 1. *филос.* утилитаризм *(таълимоти фалсафии буржуазӣ, ки мувофиқи он мабдаи рафтору кирдори инсон манфиат аст)* 2. манфиатпарастӣ

утилитари́ст *м* 1. *филос.* утилитарист 2. манфиатпараст

утилитари́стка *женск. к* **утилитари́ст**

утилитари́стский, -ая, -ое ...и утилитаризм, манфиатпарастона

утилитáрность *ж* 1. манфиатпарастӣ, манфиатпарастона будан(и) 2. рафтори манфиатпарастона (боғаразона)

утилитáрн‖ый, -ая, -ое (утилитáрен, -на, но) 1. манфиатпарастона, ...и манфиат; ~**ый подхóд** рафтори манфиатпарастона 2. амалӣ, таҷрибавӣ; ~**ые знáния** дониши амалӣ

ути́ль *м* партов

утильзавóд *м* заводи партовтозакунӣ

ути́льный, *-ая, -ое ...и партов*

ути́льщик *м* партовғундор

ути́льщица *женск. к* **ути́льщик**

ути́н‖ый, -ая, -ое 1. ...и мурғобӣ; ~**ое яйцó** тухми мурғобӣ; ~**ая лáпа** панҷаи (пои) мурғобӣ 2. *в знач. сущ. мн.* **ути́ные** *зоол.* мурғобишаклҳо ◇ ~**ый нос** бинии паҳн; ~**ая похóдка** гашти лапанг-лапанг

утирáльник *м прост.* даструймол, руйпоккунак, сачок

утирáльный, -ая, -ое *прост.* поккунанда, ...и поккунӣ

утирáние *с* (*по знач. гл.* **утерéть**) пок кардан(и)

утирáть *несов. см.* **утерéть**

утирáться *несов.* 1. *см.* **утерéться**; 2. *страд.* пок карда шудан

ути́рка *ж* 1. *прост.* поккунӣ, пок кардан(и) 2. *обл.* даструймол, сачок, руймолча, руйпоккунак, дастпоккунак

утихáть *несов. см.* **ути́хнуть**

ути́х‖нуть *сов.* 1. *(о звуке, шуме)* хомуш (сокит, ором) шудан, таскин ёфтан; **стрельбá ~ла** тирандозӣ хомуш шуд 2. суст (кам, паст) шудан; **вéтер ути́х** *шамол* суст шуд 3. ором (хомуш) шудан, таскин ёфтан, фурӯ нишастан; **ссóра ~ла** низоъ фуру нишаст; **ребёнок поплáкал и ути́х** кӯдак гиристгиристу ором шуд

утихоми́ривать *несов. см.* **утихоми́рить**

утихоми́риваться *несов.* 1. *см.* **утихоми́риться**; 2. *страд.* ором (сокит, хомуш) карда шудан

утихоми́рить *сов. кого* ором (сокит, хомуш) кунондан (кардан)

утихоми́риться *сов.* ором (сокит, хомуш) шудан

ýтица *ж фольк. и обл. см.* **ýтка**

утишáть *несов. см.* **утиши́ть**

утишáться *несов.* 1. *см.* **утиши́ться**; 2. *страд.* ором (сокит, хомӯш) карда шудан

утиши́ть *сов. кого-что разг.* ором (сокит, хомуш) кунондан

утиши́ться *сов. разг.* ором (сокит, хомуш) шудан

ýтк‖а *ж* 1. урдак, мурғобӣ; **ди́кая ~а** мурғобии ёбой; **домáшняя ~а** мурғобии хонагӣ 2. *перен.* хабари (овозаи) дуруғ; **пусти́ть ~у** овозаи дуруғ паҳн кардан 3. *мед.* зарфи пешоб

уткáть *сов. что* гулдузӣ кардан, гул духтан

уткнýть *сов. что* 1. *разг.* халондан, тиққондан, такья кардан, гузоштан; ~ **рýки в бокá** дастҳоро дар камари худ гузоштан 2. руст кардан, тиққондан, фурӯ додан; ~ **лицó в подýшку** руйро ба таки болишт фуру додан ◇ ~ **глазá в зéмлю** чашмро ба замин дӯхтан; ~ **нос в кни́гу** сар набардошта китоб хондан

уткнýться *сов.* 1. халондан, тиққондан, фуру додан; ~ **головóй в подýшку** сарро ба болишт фуру додан 2. саргарми *чизе* будан; ~ **в кни́гу** сар набардошта китоб хондан 3. бархурдан

утконóс *м зоол.* мурғобинул *(як хел ҳайвони ширхори Австралия ва Тасмания)*

ýтлость *ж* шалакӣ, чурукӣ, фарсудагӣ, номустаҳкам (шалак) будан(и); ~ **э́того сýдна очеви́дна** фарсудагии ин киштӣ аён аст

ýтлый, -ая, -ое 1. шалак, чурук, фарсуда; ~ **чёлн** завраки шалак 2. факирона, мискинона; ~ **скарб** асбобу анҷоми фақирона 3. *перен. уст. (дряхлый, слабый)* нотавон, фартут

утóк *м текст.* пуд *(дар бофандагӣ)*

утолéние *с* (*по знач. гл.* **утоли́ть**) қаноат кунондан(и), рафъ кардан(и); оромдиҳӣ, сабуккунӣ; (*по знач. гл.* **утоли́ться**) шикастан(и); оромшавӣ, сабукшавӣ; ~ **жáжды** шикастани ташнагӣ

утоли́ть *сов. что* 1. қаноат кунондан, рафъ кардан; ~ **гóлод** гушнагиро рафъ кардан; ~ **жáжду** ташнагиро шикастан 2. *перен.* таскин (ором) додан, сабук кардан; ~ **скóрбь** ғаму ғусаро таскин додан; ~ **боль** дардро сабук кардан

утоли́ться *сов.* 1. *(о жажде, голоде)* шикастан, сер шудан, қаноат ёфтан 2. *перен.* таскин ёфтан, суст (паст, ором) шудан

утолсти́ть *сов. что* ғафстар кардан; ~ **верёвку** ресмонро ғафстар кардан

утолсти́ться *сов.* ғафс (ғафстар) шудан

утолщáть *несов. см.* **утолсти́ть**

утолщáться *несов.* 1. *см.* **утолсти́ться**; 2. *страд.* ғафстар карда шудан

утолщéние *с* 1. (*по знач. гл.* **утолсти́ть**) ғафс (ғафстар) кардан(и) 2. ғафсӣ, ҷои ғафс, ҷои ғафсшуда; ~ **ствóла дéрева** ғафсии танаи дарахт

утоля́ть *несов. см.* **утоли́ть**

утоля́ться *несов.* 1. *см.* **утоли́ться**; 2. *страд.* қаноат кунонда шудан, рафъ (сер) карда шудан

утоми́тельно 1. *нареч.* дилгирона,

зиқоварона; ~ **ехать так долго** роҳи дур рафтан дилгирона аст 2. *в знач. сказ.* хастакунанда (шалпаркунанда, зиккунанда, дилгиркунанда) аст; **это очень** ~ ин хеле дилгиркунанда аст

утомительность *ж* азоб, машаққат; ~ **шума** азоби мағал; ~ **пути** машаққати роҳ

утомительн||ый, -ая, -ое (утомите|-лен, -льна, -льно) пуразоб, пурмашаққат, дилгиркунанда, хастакунанда; ~**ое путешествие** саёҳати пурмашаққат; ~**ый разговор** суҳбати дилгиркунанда

утоми||ть *сов. кого-что* монда (шалпар, хаста) кардан, дилгир (зиқ) кардан, ба дил задан; ~**ть глаза** чашмро монда кардан; **поездка меня** ~**ла** сафар маро бисьёр хаста кард

утомиться *сов.* монда (шалпар, хаста, куфта) шудан, зиқ шудан

утомление *с* мондагӣ, хастагӣ, шалпарӣ, куфтагӣ

утомлённость *ж* мондашавӣ, хастешавӣ, шалпаршавӣ

утомлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* монда (хаста, шалпар) кардашуда 2. *прил.* коҳида, хаста, шалпар, куфта; ~**ое лицо** чеҳраи коҳида

утомляемость *ж* монда (хаста, шалпар) шудан(и)

утомлять *несов. см.* **утомить**

утомляться *несов.* 1. *см.* **утомиться;** 2. *страд.* монда (хаста, шалпар) карда шудан

утону||ть *сов.* 1. ғарқ шудан, фурӯ рафтан, ғӯтидан; **груз** ~**л** бор фуру рафт; **островок** ~**л** ҷазирача ба таги об фурӯ рафт 2. *перен. в чём* ғутидан, фуру рафтан; ~**ть в снегу** ба даруни барф ғутидан; ~**ть в кресле** ба курсии мулоим фуру рафтан 3. *перен. в чём* пинҳон (ғоиб) шудан; **дом** ~**л во мраке** хона дар торикӣ аз назар пинҳон шуд // *(о звуках)* пахш шудан, шунида нашудан; **голоса** ~**ли в шуме дождя** овозҳо аз шав-шави борон шунида намешуданд

утончать *несов. см.* **утончить**

утончаться *несов.* 1. *см.* **утончиться;** 2. *страд.* бориктар (тунуктар) карда шудан

утончённость, утонченность *ж* барикӣ, маҳинӣ, тунук будан(и); нозукӣ, нафисӣ, зарифӣ

утончённ||ый, утонченн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* борик (маҳин, тунук) кардашуда 2. *прил.* нозук, боназокат, нафис, зариф(она), латиф; ~**ый вкус** табъи нозук; ~**ые манеры** хулку атвори боназокат

утончить *сов. что* 1. бориктар (маҳинтар, тунуктар) кардан; ~ **нитку** ресмонро бориктар кардан; ~ **слой ваты** қабати пахтаро тунуктар кардан 2. *перен. кого-что книжн.* нозуктар (зарифтар, нафистар) кардан

утончиться *сов.* 1. бориктар (маҳинтар, тунуктар) шудан 2. *перен. книжн.* нозуктар (нафистар) шудан

утопа||ть *несов.* 1. *см* **утонуть;** 2. *перен. в чём* ғарқ шудан, ғутидан, пур шудан, пӯшида шудан; **комната** ~**ла** **в цветах** хона пур аз гул буд; ~**ть в роскоши** ба давлату сарват ғутидан ◇ ~**ть в крови** ғарқи хун шудан; ~**ть в слезах** ғарқи ашк шудан

утопающий, -ая, -ее *прич. и в знач. сущ. м* ғарқшаванда, ғутанда; ~ **и за соломинку хватается** *погов.* ≈ аз муй мадад

утопизм *м* хаёлпарасти; хаёли хом

утопист *м* 1. *филос.* хаёлпараст, пайрави социализми хаёлӣ 2. хомхаёл

утопить *сов.* 1. *кого-что* ғарқ кардан (кунондан), ғӯтондан 2. *кого-что перен. разг.* маҳв (несту нобуд) кардан 3. *в чём* таскин додан; ~ **тоску в вине** ғамро бо майнушӣ таскин додан

утопиться *сов.* худро ғарқ кардан, худро ба об партофтан, ғарқ шуда мурдан

утопическ||ий, -ая, -ое 1. *филос.* хаёлӣ; ~**ий социализм** социализми хаёлӣ 2. ношуданӣ; ~**ая затея** кори ношуданӣ 3. *лит.* хаёлӣ; ~**ий роман** романи хаёлӣ

утопичный, -ая, -ое (утопич|ен,-на, -но) *см.* **утопический** 2

утопия *ж* 1. *филос.* хаёлпарастӣ 2. хаёл, хаёли хом 3. *лит.* хаёлнигорӣ, хаёлӣ

утопленник *м* ғарқшуда ◇ **везёт как** ~**у** *кому шутл.* ҳеч бахташ намехандад

утопленница *женск. к* **утопленник**

утоптать *сов. что* ба пой пахш кардан, шибба задан; ~ **дорожку** пайроҳаро шибба задан

утоптаться *сов.* зер (пахш) шудан, лагадкуб шудан

утор *м спец.* кома, кова

уторить *несов. что спец.* кома (кова) баровардан

уточина *ж текст.* пуди матоъ, ресмони пуди матоъ

уточк||а *ж уменьш.-ласк. к* **утка** ◇ **ходить** ~**ой** лапанг-лапанг роҳ рафтан

уточнение *с* 1. (*по знач. гл.* **уточнить**) саҳеҳ (аниқ, равшан, муайян) кардан(и), аниқтар кардан(и) 2. ислоҳ; **внести** ~ ислоҳ даровардан

уточнить *сов. что* саҳеҳ (аниқ, равшан, муайян) кардан; ~ **время** вақтро муайян кардан; ~ **расположение отряда** мавқеи отрядро аниқ кардан

уточниться *сов.* саҳеҳ (аниқ, равшан, муайян) шудан

уточн||ый, -ая, -ое *текст.* ...и пуд, ... пуди матоъ; ~**ая нить** пуди матоъ

уточнять *несов. см.* **уточнить**

уточняться *несов.* 1. *см.* **уточниться;** 2. *страд.* саҳеҳ (аниқ, муайян, равшан) карда шудан

утраивать *несов. см.* **утроить**

утраиваться *несов.* 1. *см.* **утроиться;** 2. *страд.* сечанд (се баробар) зиёд карда шудан

утрамбованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* шибба задашуда 2. *прил.* шиббашуда, ҳамворгашта; ~**ая площадка** майдончаи шиббашуда

утрамбовать *сов. что* шибба задан

утрамбоваться *сов.* шибба шудан

утрамбовка *ж* (*по знач. гл.* **утрамбовать**) шибба кардан(и)

утрамбовывать *несов. см.* **утрамбовать**

утрамбовываться *несов.* 1. *см.* **утрамбоваться;** 2. *страд.* шибба карда шудан

утрат||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **утратить**) маҳрумшавӣ, аздастдиҳӣ, гум кардан(и); ~**а трудоспособности** аз қобилияти кор маҳрумшавӣ 2. зиён, зарар, талаф, талафот; **понести** ~**у** зиён дидан, зарар кашидан

утратить *сов. кого-что* гум кардан, аз даст додан, бой додан; ~ **связи** алоқаҳоро гум кардан

утратиться *сов.* гум шудан, аз даст рафтан, маҳрум шудан

утрачивать *несов. см.* **утратить**

утрачиваться *несов.* 1. *см.* **утратиться;** 2. *страд.* гум карда шудан, аз даст дода шудан

утренн||ий, -яя, -ее пагоҳӣ, пагоҳирӯзӣ, ...и субҳ; ~**яя заря** шафақи субҳ; ~**ие заморозки** хунукии пагоҳирӯзӣ; ~**ий ветерок** насими субҳ; ~**яя зарядка** варзиши пагоҳирӯзӣ; ~**яя смена** сменаи пагоҳӣ; ~**яя газета** газетаи пагоҳирузӣ

утренник *м* 1. сардии (хунукии) пагоҳирӯзӣ 2. тамошои пагоҳирӯзӣ (бештар барои кӯдакон)

утречком *нареч. разг. см.* **утром**

утрешний, -яя, -ее *прост.* пагоҳӣ, пагоҳирузӣ

утрированн||ый -ая, -ое ифротӣ, иғроқи, муҳобот; **в** ~**ом виде** ба шакли ифротӣ

утрировать *сов., несов. что и без доп.* ифрот (иғроқ) кардан

утрироваться *несов. страд.* ифрот (иғроқ) карда шудан

утрировка *ж* 1. (*по знач. гл.* **утрировать**) ифрот кардан(и) 2. муболиға, муҳобот

утр||о *с* пагоҳӣ, бомдод, субҳ; **с** ~**а до вечера** аз пагоҳ то бегоҳ, аз субҳ то шом; **в шесть часов** ~**а** дар соати шаши пагоҳӣ; **по** ~**ам** пагоҳирӯзҳо, ҳар пагоҳ; **под** ~**о** қариби субҳ, бомдодон, саҳарӣ; **на** ~**о** пагоҳӣ, фардо пагоҳӣ, пагоҳии рӯзи дигар; ~**о вечера мудренее** *посл.* ≈ кори шаб — хандаи рӯз; шаб обистан аст, то чӣ зояд субҳ ◇ **с добрым** ~**ом!, доброе** ~**о!** субҳатон ба хайр, салом алайкум!

утроб||а *ж* 1. батн, шикам, дарун 2. *перен. разг.* замир; **понять своей** ~**ой** бо замир фаҳмидан 3. дохил, дарун ◇ **ненасытная** ~**а** *бран.* юҳо, ҷуҳ; **в** ~**е матери** дар батни модар

утробный, -ая, -ое 1. ...и батн, ...и шикам; ~ **период развития** давраи инкишофи батнӣ *(оид ба кудак)* 2. *(о звуке)* шикамӣ; ~ **голос** овози шикамӣ

утроение *с* (*по знач. гл.* **утроить**) сечанд (се баробар) зиёд кардан(и); (*по знач. гл.* **утроиться**) сечанд (се баробар) зиёд шудан(и)

утроенный, -ая, -ое 1. *прич.* сечанд зиёд кардашуда, се баробар зиёд кардашуда 2. *прил.* сечанда

утроить *сов. что* сечанд (се баробар) зиёд кардан

утроиться *сов.* сечанд (се баробар) зиёд шудан

утром *нареч.* пагоҳирузӣ, субҳдам, пагоҳ

утрудить *сов. см.* **утруждать**

утрудиться *сов. прост.* хаста (шалпар) шудан

утруднить *сов.* 1. *что* мушкил (мураккаб) кардан; ~ **упражнения** машқро мушкил кардан 2. *кого-что* ташвиш додан, ба ташвиш андохтан (монондан), заҳмат додан

утрудниться *сов.* мушкил (мураккаб) шудан, вазнин шудан

утруднять *несов. см.* **утруднить**

утрудняться *несов.* 1. *см.* **утрудниться**; 2. *страд.* мушкил (мураккаб) карда шудан

утружда||ть *несов. кого-что* ташвиш додан, ба ташвиш андохтан, заҳмат додан; **не ~й себя лишними хлопотами** бо ташвишҳои зиёдатӣ худро заҳмат надеҳ

утруждаться *несов.* 1. *см.* **утрудиться**; 2. *страд.* ташвиш дода шудан, ба ташвиш андохта шудан, заҳмат дода шудан

утруска *ж* костани вазн аз рехтану бурдан; **усушка и** ~ *разг.* костани вазн аз рехтану хушкидан

утрясать *несов. см.* **утрясти**

утрясаться *несов.* 1. *см.* **утрястись**; 2. *страд.* ҷунбонда-ҷунбонда зич ҷой гиронда шудан

утрясти *сов. что* 1. ҷунбонда-ҷунбонда зич ҷой гирондан 2. *перен. разг.* соз (ҳал, яктарафа) кардан

утрястись *сов.* 1. такон хурда зич ҷой гирифтан 2. *перен. разг.* соз (ҳал, яктарафа) шудан

утучнение *с* (*по знач. гл.* **утучнить**) фарбеҳ (ғафс) кардан(и); бақувваткунӣ, пурзӯркунӣ; (*по знач. гл.* **утучниться**) фарбеҳ (ғафс) шудан(и); бақувватшавӣ, пурзуршавӣ

утучнить *сов.* 1. *кого-что* фарбеҳ (ғафс) кардан 2. *что* пору (нурӣ) андохтан, бақувват (пурзур) кардан; ~ **землю** заминро пору андохта бақувват кардан

утучниться *сов.* 1. фарбеҳ (ғафс) шудан 2. пору (нурӣ) андохта шудан, бақувват (пурзур) шудан

утучнять *несов. см.* **утучнить**

утучняться *несов.* 1. *см.* **утучниться**; 2. *страд.* фарбеҳ (ғафс) карда шудан; бақувват (пурзӯр) карда шудан

утушить *сов. что кул.* дам додан

утушиться *сов. кул.* дам хурда пухта шудан

утыкать *сов. что* 1. халондан; ~ **стену гвоздями** ба девор меҳи бисьёр задан 2. *чем* халонда пур кардан

утыкать I *несов. см.* **уткнуть**

утыкать II *несов. см.* **утыкать**

утыкаться I *несов. см.* **уткнуться**

утыкаться II *несов. страд.* пур карда шудан

утыкивать *несов. см.* **утыкать**

утыкиваться *несов. см.* **утыкаться** II

утюг *м* дарзмол, уттӣ

утюжение *с* (*по знач. гл.* **утюжить**) дарзмол кардан(и)

утюжить *сов.* 1. *что* дарзмол (уттӣ) кардан 2. *перен. кого-что прост.* сава-ҷӯб кардан 3. *перен. кого-что прост.* сахт ҳақорат кардан

утюжиться *несов. страд.* дарзмол (уттӣ) карда шудан

утюжный, -ая, -ое ...и дарзмол, ...и уттӣ

утягивать *несов. см.* **утянуть**

утягиваться *несов. страд.* кашола карда бурда шудан; дуздида шудан

утяжеление *с* (*по знач. гл.* **утяжелить**) вазнин (вазнинтар) кардан(и); (*по знач. гл.* **утяжелиться**) вазнин (вазнинтар) шудан(и)

утяжелить *сов. что* вазнин (вазнинтар) кардан; ~ **груз** борро вазнинтар кардан

утяжелиться *сов.* вазнин (вазнинтар) шудан

утяжелять *несов. см.* **утяжелить**

утяжеляться *несов.* 1. *см.* **утяжелиться**; 2. *страд.* вазнин (вазнинтар) карда шудан

утянуть *сов. разг.* 1. *кого-что* кашола бурдан 2. *кого-что перен.* бо худ (аз паси худ) бурдан 3. *что* дуздидан, задан 4. *что* бориктар (хурдтар) кардан

утятина *ж* гушти мурғобӣ

утятница *ж* дегчаи мурғобипазӣ

уф *межд.* уф; **уф, как я устал** уф, мадорам хушк шуд

ух *межд.* 1. ӯх; **ух, жарко!** ӯх, бисьёр гарм! 2. (*о звучании*) ув-уви, ғув-ғуви; **ух! — раздалось внутри горы** овози гумбуррос аз дили кӯҳҳо шунида шуд

уха *ж* моҳишурбо

ухаб *м* чуқурӣ, пастӣ

ухабистый, -ая, -ое (ухабист, -а, -о) чақар-чуқур пасту баланд

ухажёр *м прост.* занакабоз, занбоз

ухажёрский, -ая, -ое ...и занакабоз, ...и занбоз

ухажёрство *с прост.* занакабозӣ, занбозӣ

ухаживание *с* (*по знач. гл.* **ухаживать**) нигоҳубин, парасторӣ, парвариш; занакабозӣ, ишқбозӣ

ухаживатель *м разг. см.* **ухажёр**

ухаживать *несов.* 1. *за кем-чем* парасторӣ (нигоҳубин) кардан, парваридан, хизмат кардан; ~ **за больным** ба бемор нигоҳубин кардан; ~ **за цветами** ба гулҳо нигоҳубин кардан 2. *за кем* занакабозӣ (ишқбозӣ) кардан; аз дунболи зан гаштан 3. *за кем неодобр.* чоплусӣ кардан

уханье *с* 1. ҳи-ҳув, нола, садо; ~ **филина** нолаи чуғз 2. гулдуррос, гулдур-гулдур; ~ **орудий** гулдурроси тубҳо

ухарски *нареч.* бебокона, шаттоҳона; чапанона; **он ~ сдвинул шапку набок** у чапанона телпаки худро якшоҳа монд

ухарск||ий, -ая, -ое *разг.* бебокона, шаттох; чапанона; ~**ие манеры** рафтору кирдорҳои чапанона

ухарство *с разг.* бебокӣ, шаттоҳӣ; чапанӣ

ухарствовать *несов. разг.* бебокӣ (шаттоҳӣ) кардан; чапанӣ кардан

ухарь *м разг.* бебок; чапан

ухать(ся) *несов. см.* **ухнуть(ся)**

ухват *м* деггирак

ухватист||ый, -ая, -ое (ухватист, -а, -о) *разг.* 1. часпон, гиро; ~**ые руки** дасти гиро 2. моҳир, чолок, чуст; ~**ый мужик** марди чолок

ухватить *сов.* 1. *кого-что* доштан, чанг задан, кардан; ~ **конец верёвки** нуги арғамчинро доштан 2. *что перен. разг.* канда гирифтан, чанг зада гирифтан; ~ **свою долю** ҳаққи худро чанг зада гирифтан 3. *что перен. разг.* зуд дарк кардан, фаҳмидан, зуд дониста гирифтан; ~ **чью-л. мысль** фикри касеро зуд фаҳмидан

ухвати||ться *сов. за кого-что* 1. гирифтан, доштан, часпидан, ба чанг гирифтан; ~**ться за палку** чубро доштан, ба чуб часпидан 2. *перен. разг.* сар (шуруъ, оғоз) кардан, машғул шудан; **не знаю, за что раньше ~ться** намедонам, ки аввал кадом корро сар кунам 3. *перен. разг.* часпидан, часпида гирифтан; **он ~лся за эту мысль** ӯ ба ин фикр маҳкам часпида гирифт ◇ **обеими руками ~ться за что-л.** ба чизе дудаста часпида гирифтан

ухватка *ж разг.* 1. рафтору кирдор, ҳаракат; **удалая** ~ ҳаракати бебокона 2. чолокӣ, чобукӣ; ~ **в работе** чолокӣ дар кор

ухватливый, -ая, -ое (ухватлив, -а, -о) *прост.* чолок, чобук, гиро

ухватывать *несов. см.* **ухватить**

ухватываться *несов.* 1. *см.* **ухватиться**; 2. *страд.* дошта шудан, канда гирифта шудан

ухитри||ться *сов. с неопр.* тавонистан, ҳила кор фармудан; **он ~лся попасть под дождь** аҷаб ки вай ба зери борон мондааст

ухитряться *несов. см.* **ухитриться**

ухищрени||е *с* ҳилаву найранг, макр, айёрӣ; **прибегать к разным ~ям** ҳилаву найрангҳоро ба кор бурдан

ухищрённость *ж* ҳилагарӣ, найрангбозӣ, маккорӣ, айёрӣ

ухищрённ||ый, -ая, -ое ҳиллакорона, маккорона, айёрона; ~**ые приёмы** усулҳои ҳилакорона

ухищряться *несов.* ҳила (найранг, маккорӣ, айёрӣ) кардан

ухлопать *сов. прост.* 1. *кого* куштан 2. *что* сарф кардан; барбод додан; ~ **уйму денег** пули бисьёре сарф кардан

ухлопывать *несов. см.* **ухлопать**

ухлопываться *несов. страд.* кушта шудан; сарф (нобуд) карда шудан

ухмылка *ж разг.* писханд

ухмыльнуться *сов. разг.* писханд кардан

ухмыляться *несов. см.* **ухмыльнуться**

ухну||ть *сов. однокр.* 1. «эҳ» гуфтан; **он ~л и пошёл плясать** у «эҳ» гуфту ба

ракс даромад 2. *(о сове, филине)* хи-хув кардан; **где́-то ~ла сова́** аз ким-кучо буме хи-хув кард 3. *прост.* гулдуррос (гумбуррос) задан; **книги ~ли на пол** китобхо гулдур-гулдур ба замин афтоданд 4. *чем* гум-гум (так-так) задан; **~ть мо́лотом по накова́льне** ба сандон бо болға гум-гум задан 5. *прост.* гумбуррос зада афтидан, гуппас зада афтидан; **пово́зка ~ла в я́му** ароба гумбуррос зада ба чуқурӣ афтид; **~ть в сугро́б** гуппас зада ба барфтуда афтидан 6. *прост.* гум (нобуд) шудан, бар бод рафтан; **~ли мои́ де́нежки!** пулхои ман бар бод рафтанд! 7. *кого-что разг.* тараққос (шараққос, гумбуррос) занонда афтондан (андохтан); **он ~л вяза́нку дров на́ пол** ӯ як банд хезумро тараққос занонда ба замин партофт 8. *что* сарф (харч) кардан; **~ть все сре́дства на поку́пку инвентаря́** хамаи пулро ба хариди асбобу анчом сарф кардан 9. *что разг.* бисьёр андохтан (партофтан); **~ть всё мя́со в котёл** хамаи гуштро ба дег андохтан

у́хну||ться *сов. однокр. разг.* гумбуррос (тараққос, шалаппос) зада афтидан; **я ~лся в я́му** ман гумбуррос зада ба чуқурӣ афтидам

у́хо *с* (*мн.* **у́ши**) 1. гуш; **вну́треннее ~** қисми дарунии гуш; **нару́жное ~** қисми берунии гуш; **воспале́ние у́ха** илтихоби гӯш; **отодра́ть за́ уши** гушмол додан; **заткну́ть у́ши** худро ба карӣ задан; **звени́т в уша́х** гуш чеғ мезанад; **крича́ть (звене́ть) над ~м** ба сари касе аррос задан; **отморо́зить у́ши** гушхоро хунук занондан; **прясть уша́ми** гуш чунбондан 2. қувваи сомеа, гуш; **он туг (кре́пок) на́ ухо** гӯшаш вазнин 3. гушаки телпак 4. гушак; **у́ши котла** гушаи дег ◇ **у́ши вя́нут** кирои шунидан не; **~ (у́ши) ре́жет** гушхарош аст; **дать (съе́здить, зае́хать) в ~** *прост.* ба буни гуш задан; **держа́ть ~ востро́** хама тан гуш гардидан, гуш ба қимор шудан; **дойти до чьих-л. уше́й** гуш бар гуш расидан; **ест аж за уша́ми трещи́т** харисона хурок мехурад; **и у стен есть у́ши** девор муш дорад — муш гуш дорад; **и [да́же] ~м не ведёт** парвое надорад; **кра́ем у́ха слы́шать** аранге (сахл) шунидан; **красне́ть до уше́й** то буни гуш сурх шудан; **лезть в у́ши** безор кардан; **медве́дь на́ ухо наступи́л** *кому* гушаш вазнин, дар мусиқӣ хафтафахм; **навостри́ть (насторожи́ть) ~ (у́ши)** 1) гуш ба қимор шудан 2) *(о животных)* гуш сих кардан; **наду́ть в у́ши кому́-л.** *прост.* ба гуши касе хондан; **на у́хо говори́ть (сказа́ть, шепта́ть)** гушакӣ кардан; **не ве́рить свои́м уша́м** ба чашмони худ бовар накардан; **не вида́ть как свои́х уше́й** дар хоби шаб хам надидан; **не для чьих-л. уше́й** *что* ин гап байни хардуямон; **по́ уши [быть] в долга́х** ба қарз ғутидан; **по́ уши влюби́ться (вре́заться) в кого́-л.** шайдои касе гаштан; **по у́ши увя́знуть в чём-л.** ба коре сахт андармон шудан; **притяну́ть за́ уши кого́-что́-л.** аз гуши касе, чизе кашидан; **прожужжа́ть (протруби́ть) все у́ши** *кому* гӯшро ба қиёмат овардан; **пропусти́ть ми́мо уше́й** гӯш фурӯ бастан; **слу́шать во все у́ши** гуш кушодан, гуш гаштан; **тащи́ть (тяну́ть) за́ уши кого́-л.** аз гуши касе кашидан; **разве́сить у́ши** *прост.* 1) бо шавқ гуш кардан 2) дахон яла карда гуш кардан; **хло́пать уша́ми** *прост.* гаранг шуда истодан, даханьялагӣ кардан

ухо́д I *м* (*по знач.* **уйти́** 1) рафтан(и); **прихо́д и ~** омаду рафт; **зайти́ к кому́-л. пе́ред ~ом** пеш аз рафтан ба пеши касе даромадан

ухо́д II *м* (*по знач. гл.* **уха́живать** 1) нигохубин, парвариш, парасторӣ; **~ за посе́вами** парвариши кишт; **~ за больны́м** парасторӣ кардани бемор ◇ **вы́йти ~ом (за́муж)** *или* **взять ~ом (жену́)** *уст.* бе ризогии падару модар (зан гирифтан) шавхар кардан

уходи́ть I *несов.* 1. *см.* **уйти́**; 2. *(простираться, тянуться)* тул кашидан, рафтан, бурдан; **доро́га ухо́дит вдаль** рох дур меравад

уходи́ть II *сов. кого прост.* 1. азоб додан, ба азоб монондан 2. нобуд (халок) кардан

уходи́ться *сов. разг.* 1. аз рохравӣ мондаю хаста гаштан, шалпар шудан 2. ором шудан, таскин ёфтан

ухо́женный, -ая, -ое (ухо́жен, -а -о) парваришьёфта, нигохубиндида

ухудша́ть *несов. см.* **уху́дшить**

ухудша́ться *несов.* 1. *см.* **уху́дшиться** 2. *страд.* бад (бадтар) карда шудан

ухудше́ние *с* (*по знач. гл.* **уху́дшить**) бадтар гандатар кардан(и); (*по знач. гл.* **уху́дшиться**) бадтар (гандатар) шудан(и); **~ состоя́ния больно́го** бадтар шудани холати бемор

уху́дшенный, -ая, -ое бадтар (гандатар) кардашуда; бадшуда, гандашуда

уху́дшить *сов. что* бадтар (гандатар) кардан

уху́дши||ться *сов.* бад (тар) шудан, ганда(тар) шудан; **отноше́ния ~лись** муносибатхо бадтар шуданд

уцеле́||ть *сов.* 1. дуруст (бутун, безарар) мондан; **дом ~л от пожа́ра** хона аз сухтор безарар монд 2. зинда (саломат, солим) мондан; **он ~л в бою́** у дар чанг зинда монд

уценённ||ый, -ая, -ое арзон; **~ые това́ры** молхои арзон

уце́нивать *несов. см.* **уцени́ть**

уце́ниваться *несов. страд.* арзон карда шудан

уцени́ть *сов. кого-что* арзон кардан, нарх фуровардан, нархро кам кардан; **~ това́ры** нархи молро кам кардан

уце́нка *ж* 1. (*по знач. гл.* **уцени́ть**) арзон кардан(и), фуровардани нарх 2. *(скидка в цене)* тафовути нарх, миқдори нархи кам кардашуда

уцепи́ть *сов. кого-что разг.* доштан, чанг задан

уцепи́||ться *сов. за кого-что* 1. дармондан, часпидан, андармон шудан, дошта мондан; **~ться крючко́м за до́ску** бо чангак ба тахта андармон шудан 2. сахт часпида гирифтан, сахт андармон шудан 3. *перен. разг.* маъқул донистан, часпида гирифтан, часпидан; **он ~лся за э́то предложе́ние** ӯ ин таклифро часпида гирифт

уцепля́ть *несов. см.* **уцепи́ть**

уцепля́ться *несов.* 1. *см.* **уцепи́ться**; 2. *страд.* дармонда шудан, андармон шудан

уча́ствовать *несов. в чём* 1. иштирок кардан, хамрох шудан, хамрохӣ кардан; **~ в вы́борах** дар интихобот иштирок кардан; **~ в де́ятельности междунаро́дных организа́ций** дар кори ташкилотхои байналхалқӣ иштирок кардан 2. шарик будан, ширкат доштан; **~ в де́ле** дар коре шарик будан 3. *кому уст.* хамдардӣ (дилсузӣ) кардан

уча́ствующий, -ая, -ее *прич.* иштироккунанда, хамрохикунанда // *в знач. сущ.* **уча́ствующие** *мн.* иштироккунандагон

уча́сти||е *с* 1. иштирок; **~е в конце́рте** иштирок дар концерт; **при ~и (с ~ем) кого́-л.** бо иштироки касе; **~е трудя́щихся в госуда́рственной жи́зни** иштироки мехнаткашон дар корубори давлатӣ 2. шарикӣ, сахмдорӣ 3. хамдардӣ, дилсузӣ; **слу́шать с ~ем** дилсӯзона гӯш кардан; **приня́ть ~е в ком-л.** ба касе хамдардӣ кардан

участи́ть *сов. что* 1. кореро зуд-зуд (такроран) кардан; **~ свои́ посеще́ния** тез-тез (зуд-зуд) омада истодан 2. тезондан, тез кардан, суръат додан; **~ шаг** қадампартоиро тезонидан

участи́||ться *сов.* 1. зуд-зуд такрор ёфтан, бисьёртар шудан, тезтар шудан; **~лись мете́ли** бӯронхо бисьёртар шуданд 2. тез шудан, шиддат гирифтан, суръат ёфтан, тезтар шудан; **~лись движе́ния колеса́** харакати чарх суръат ёфт

участко́в||ый, -ая, -ое 1. ...и участка; **~ая избира́тельная коми́ссия** комиссияи интихоботии участка; **~ый бригади́р** бригадири участка 2. *в знач. сущ.* **участко́вый** *м разг.* сардори милицияи участка 3. *уст. разг.* пристав *(сардори полицияи як махал)*

уча́стливо *нареч.* мехрубонона, дилсузона, ғамхорона, шафқатангезона; **~ отнести́сь к кому́-л.** ба ягон кас мехрубонона муносибат кардан

уча́стливость *ж* мехрубон будан(и), мехрубонӣ, дилсузӣ, ғамхорӣ, шафқат

уча́стлив||ый, -ая, -ое (уча́стлив, -а, -о) боилтифот, мехрубон, мушфиқ, хайрхох, дилсӯз(она), ғамхор(она), хамдард(она); **~ый челове́к** одами боилтифот; **~ое отноше́ние** муносибати дилсузона

уча́стник *м* 1. иштирокчӣ; **~ Вели́кой Оте́чественной войны́** иштирокчии Чанги Бузурги Ватанӣ; **~ совеща́ния** иштирокчии мачлис; **акти́вный ~** иштирокчии фаол 2. шарик, сахмдор

уча́стница *женск. к* **уча́стник**

уча́сток *м* 1. участка, қитъа; **земе́льный ~** қитъаи замин 2. қисм, пора;

~ **кожи** як пораи пўст 3. доира, соҳа; ~ **работы** соҳаи кор 4. участка; **избирательный** ~ участкаи интихоботӣ 5. *ист.* идораи полиция *(шуъбаи полицияи шаҳр дар Россияи тореволюционӣ)*

участ||ь *ж* тақдир, қисмат, бахт, сарнавишт; **подчиниться своей** ~**и** ба тақдири худ тан додан; **печальная** ~**ь** қисмати бад

учащать *несов. см.* **участить**

учащаться *несов.* 1. *см.* **участиться** 2. *страд.* тез(тар) карда шудан, тезонида шудан

учащение *с* (*по знач. гл.* **участить**) тез (зуд) кардан(и), суръатдиҳӣ; (*по знач. гл.* **участиться**) тез шудан(и), шиддат гирифтан(и), суръат ёфтан(и); ~ **пульса** шиддат гирифтани набз

учащённо *нареч.* тез-тез, зуд-зуд, бо тезӣ, бо зуди; **сердце** ~ **забилось** дил тез-тез тапид

учащённый, -ая, -ое суръатноктар кардашуда, тезонидашуда, тез кардашуда, зиёд кардашуда; тезшуда, зиёдшуда, зудшуда, тез-тез

учащийся, -аяся, -ееся 1. *прич.* хонанда, омўзанда 2. *в знач. сущ.* **учащийся** *м* хонанда, шогирд, мактабхон; **учащаяся** *ж* талаба, толиба

учёб||а *ж* (*по знач. гл.* **учиться**) хониш, омўзиш, таҳсил; **партийная** ~**а** омўзиши партиявӣ; **комсомольская** ~**а** омўзиши комсомолӣ; **экономическая** ~**а** омўзиши иқтисодӣ; **отличники** ~**ы** аълочиёни хониш; **взяться за** ~**у** ба таҳсил шурўъ кардан

учебник *м* китоби дарсӣ

учебно-воспитательный, -ая, -ое таълимию тарбиявӣ, ...и таълиму тарбия

учебно-производственный, -ая, -ое таълимии истеҳсолӣ, ...и таълиму истеҳсол

учебн||ый, -ая, -ое 1. дарсӣ, таълимӣ; ~**ый год** соли таҳсил; ~**ые пособия** китобҳои дарсӣ; ~**ая программа** программаи дарсӣ; ~**ая стрельба** машқи тирандозӣ 2. машқӣ, таълимӣ; ~**ая мастерская** корхонаи таълимӣ; ~**ое заведение** муассисаи таълимӣ, омўзишгоҳ; **закрытое** ~**ое заведение** мактаби пушида; ~**ое судно** киштии машқӣ

учени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **учить** *и* **учиться**) таҳсил, омўзиш; **годы** ~**я** солҳои таҳсил; **кончить** ~**е** таҳсилро тамом кардан 2. илм, назария, таълимот, таълим; **марксистско-ленинское** ~**е** таълимоти марксистӣ-ленинӣ 3. *воен.* машқ; **военные** ~**я** машқи ҳарбӣ; **совместные** ~**я** машқҳои якҷояи ҳарбӣ; **проводить** ~**е** машқ гузаронидан

ученик *м* 1. мактабхон, талаба, шогирд, хонанда; ~ **пятого класса** талабаи синфи панҷ 2. шогирд, пайрав; **ученики Ленина** шогирдони Ленин

ученица *ж* 1. толиба; **хорошая** ~ толибаи хуб 2. пайрав

ученическ||ий, -ая, -ое 1. ...и талаба, ...и толиба, ...и хонанда, ...и шогирдӣ, талабагӣ, шогирдона 2. *перен.* хом, шогирдона; ~**ие рассуждения** мулоҳизаҳои хом

ученичеств||о *с* 1. шогирдӣ, талабагӣ, навъёдгирӣ; **годы** ~**а** солҳои шогирдӣ 2. омўзиш, таълим; **школы фабрично-заводского** ~**а** мактабҳои таълими фабрику завод *(дар солҳои 1920—58)* 3. *перен.* хомӣ, шогирдона будан(и)

учёность *ж* донишмандӣ, хирадмандӣ

учён||ый, -ая, -ое (учён, -а, -о) 1. донишманд, олим; ~**ый садовод** боғбони донишманд // *(о животных)* омухташуда, ромгашта; ~**ая собака** саги омухташуда // *прост.* (*грамотный*) хондагӣ, босавод, бомаълумот 2. *в знач. сущ.* **учёный** *м* олим, донишманд; **известный** ~**ый** олими машҳур 3. илмӣ; ~**ый спор** мубоҳисаи илмӣ; ~**ые термины** истилоҳоти илмӣ; ~**ое звание** унвони илмӣ

учесть *сов. что* 1. ба ҳисоб (ба назар) гирифтан; ~ **инвентарь** асбобу анҷомҳоро ба ҳисоб гирифтан; ~ **всех специалистов** ҳамаи мутахассисонро ба ҳисоб гирифтан 2. дар назар доштан, ба назар, гирифтан; **я учёл его замечания** мулоҳизаҳои ўро ба назар гирифтам

учёт *м* 1. (*по знач. гл.* **учесть**) боҳисобгирӣ, баназаргирӣ, ба ҳисоб гирифтан(и); ~ **потребностей населения** баҳисобгирии эҳтиёҷоти аҳолӣ 2. руйхаткунӣ, қайд, ҳисоб; **сняться с** ~**а** аз ҳисоб (қайд) баромадан; **встать на** ~ ба ҳисоб (қайд) даромадан; **состоять на** ~**е** ба ҳисоб (қайд) будан; **взять на** ~ ба ҳисоб (қайд) гирифтан ◇ ~ **векселей** хариди векселҳо *(аз тарафи банк)*

учетверить *сов. что* чор маротиба (бор) зиёд кардан, чор боробар зиёд кардан

учетвериться *сов.* чор маротиба (бор) зиёд гаштан, чор баробар зиёд шудан

учетверять *несов. см.* **учетверить**

учетверяться *несов.* 1. *см.* **учетвериться**; 2. *страд.* чор бор зиёд карда шудан

учётн||ый, -ая, -ое 1. ...и ҳисобот, ...и ҳисобгирӣ, ...и баҳисобгирӣ; ~**ая карточка** варақаи баҳисобгирӣ 2. *фин.* ...и ҳисоби банк

учётчик *м* ҳисобчӣ

учётчица *женск. к* **учётчик**

училище *с* омўзишгоҳ; **ремесленное** ~ омўзишгоҳи касбу ҳунар *(солҳои 40—60 -уми асри 20)*; **педагогическое** ~ омўзишгоҳи педагогӣ; **профессионально-техническое училище** омўзишгоҳи касбии техники

училищный, -ая, -ое ...и омўзишгоҳ

учинить *сов. что* намудан, кардан; ~ **допрос** тергав намудан, тафтиш гузаронидан; ~ **скандал** ҷанҷол (ғавғо) бардоштан; ~ **расправу** ҷазо додан

учиниться *сов. уст.* шудан, ба вуҷуд омадан

учинять *несов. см.* **учинить**

учиняться *несов.* 1. *см.* **учиниться**; 2. *страд.* карда шудан

учител||ь *м* 1. (*мн.* **учителя**) муаллим, омўзгор; ~**ь литературы** муаллими адабиёт 2. (*мн.* **учители**) устод, муаллим; **великие** ~**и пролетариата** муаллимони бузурги пролетариат

учительница *ж* муаллима

учительская *ж* хонаи муаллимон *(дар мактаб)*

учительск||ий, -ая, -ое 1. ...и муаллим, ...и муаллима, муаллимӣ; ~**ая конференция** конференцияи муаллимон 2. насиҳатомез, пандомез; **говорить** ~**им тоном** бо оҳанги насиҳат гап задан

учительство *с* 1. муаллимӣ, омўзгорӣ 2. *собир.* муаллимон; **советское** ~ муаллимони советӣ 3. *книжн.* насиҳат, панд, ҳидоят

учительствовать *несов.* 1. муаллимӣ кардан 2. додан

учитывать *несов. см.* **учесть**

учитываться *несов. страд.* ба ҳисоб гирифта шудан, дар назар дошта шудан

учить *несов.* 1. *кого-что и с неопр.* омўхтан, омўзондан, ёд додан, хонондан. дарс (таълим) додан; ~ **грамоте** дарс додан, хату савод ёд додан // *(дрессировать)* омухта (ром) кардан 2. *кого чему и с неопр.* насиҳат (панд) додан, ҳидоят намудан; ~ **говорить правду** ба ҳақиқатгўӣ ҳидоят намудан 3. *уст. и прост.* *(наказывать)* ҷазо (сазо) додан, адаби касеро додан 4. *что* хондан, омухтан, аз худ кардан; ~ **историю** таърихро омухтан; ~ **наизусть** аз ёд кардан, аз бар кардан 5. *с союзом «что»* омухтан, омузонидан, ёд (таълим) додан

учиться *несов.* 1. омўхтан, ёд гирифтан; ~ **пению** сурудхониро омўхтан 2. хондан, дарс хондан (омухтан); ~ **в школе** дар мактаб хондан; ~ **на медные деньги** *уст.* бо машаққат ва муҳтоҷӣ таҳсил кардан

учредител||ь *м* муассис; **совет** ~**ей** шурои муассисон; **съезд** ~**ей** съезди муассисон

учредительница *женск. к* **учредитель**

учредительн||ый, -ая, -ое таъсискунанда; ~**ый съезд** съезди таъсискунанда; ~**ое собрание** маҷлиси муассисон

учредительский, -ая, -ое ...и муассис

учредить *сов. что* 1. барпо (ташкил, таъсис) кардан; ~ **комиссию** комиссия ташкил кардан 2. муайян (барпо, барқарор, муқаррар) кардан; ~ **контроль над производством** аз болои истеҳсолот назорат муқаррар кардан; ~ **должность учётчика** вазифаи ҳисобчиро барқарор кардан

учредиться *сов.* барпо (таъсис, муқаррар, барқарор) шудан

учреждать *несов. см.* **учредить**

учреждаться *несов.* 1. *см.* **учредиться** 2. *страд.* барпо (ташкил, таъсис) карда шудан

учреждени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **учредить**) барпо (ташкил, таъсис) кардан(и) 2. идора, муассиса, ташкилот; **государственное** ~**е** идораи давлатӣ; **научные** ~**я** муассисаҳои илмӣ; **лечебные** ~**я** муассисаҳои табобатӣ 3.

книжн. сохт, тартибот 4. *уст.* низомнома, қонун

учреждённеск||ий, -ая, -ое ...и идора, ...и муассиса, ...и ташкилот; **~ие расхо́ды** хароҷоти идора

учти́во *нареч.* бо назокат, боадабона

учти́вость *ж* 1. адаб, боадабӣ, назокат 2. *уст.* таҳсин, таъриф

учти́вый, -ая, -ое (учти́в, -а, -о) боадаб(она), боназокат, боэҳтиром

учу́г *м рыб.* ғови турдор *(барои моҳигирӣ)*

учу́я||ть *сов. кого-что* 1. ҳис кардан, аз бӯяш фаҳмидан; **соба́ка ~ла звёря** саг буи сайдро фаҳмид 2. *перен. разг.* ҳис кардан; дарьёфтан, фаҳмидан; **~ть опа́сность** хатарро ҳис кардан

ушага́ть *сов. прост.* дур гаштан, роҳ рафтан

уша́н *м зоол.* хаффош

уша́нка *ж разг.* телпаки гушакдор

уша́ст||ый, -ая, -ое (уша́ст, -а, -о) 1. гӯшдароз, гушкалон 2. ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои зоологӣ; **~ая лиси́ца** рубоҳи гушдароз; **~ая обезья́на** маймуни гушдароз

уша́т *м* сатили чубин

уши́б *м* 1. *(по знач. гл.* **ушиби́ть**) зада маиб кардан(и), озор, лат; *(по знач. гл.* **ушиби́ться**) озорьёбӣ, латхурӣ 2. ҷои озурда

ушиба́ть *несов. см.* **ушиби́ть**

ушиба́ться *несов.* 1. *см.* **ушиби́ться** 2. *страд.* озурда шудан

ушиби́ть *сов. кого-что* 1. зада маиб (озурда) кардан; **~ коле́но** зонуро озурда карда 2. *перен. прост.* ба ҳайрат андохтан, маҳву мот кардан

ушиби́ться *сов.* зада гирифтан, лат (зарб) хурдан; **~ голово́й о дверь** сарро ба дар зада гирифтан

ушива́ние *с* *(по знач. гл.* **ушить**) духта кутоҳтар (тангтар) кардан(и)

ушива́ть *несов. см.* **уши́ть**

ушива́ться *несов.* 1. *см.* **уши́ться**; 2. *страд.* духта кутоҳтар (тангтар) карда шудан

уши́вка *ж см.* **ушива́ние**

уши́вочный, -ая, -ое духта кутоҳтаркунанда, духта тангтаркунанда

ушире́ние *с* 1. *(по знач. гл.* **уши́рить**) васеътар (кушодтар, фарохтар) кардан(и) 2. ҷои васеътар кардашуда

уширительный, -ая, -ое васеъкунанда, кушодкунанда

уши́рить *сов. что разг.* васеътар (кушодтар, фарохтар) кардан

уши́риться *сов. разг.* васеътар (кушодтар, фарохтар) шудан

ушира́ть *несов. см.* **уши́рить**

ушира́ться *несов.* 1. *см.* **уши́риться** 2. *страд.* васеътар (кушодтар, фарохтар) карда шудан

уши́ть *сов. что* 1. духта кутоҳтар (тангтар) кардан; **~ пла́тье в та́лии** камари куртаро духта тангтар кардан 2. гулдузӣ (кашидадӯзӣ) кардан 3. гирдогирд дӯхтан, даврадузӣ кардан

уши́ться *сов.* дӯхта кутохтар (тангтар) шудан

уши́ца *ж ласк. к* уха

ушка́н *м обл.* қуян

у́шко *с* 1. *уменьш.-ласк. к* **у́хо**; 2. **(ушко́)** сӯрох; **ушко́ иглы́** сӯрохи сузан; **ушко́ меда́ли** гушаки медаль; **ушко́ колоко́льчика** гушаки зангӯлача 3. **(ушко́)** *(у обуви)* гушак; **натяну́ть сапоги́ за ушки́** музаро аз гушакаш кашида пушидан ◇ **у́шки на маку́шке** *у кого* гушаш ба қимор; **держа́ть у́шки на маку́шке** гӯш сих кардан, гуш ба қимор шудан; **за ушко́ да на со́лнышко** *погов.* мисаш баромад

ушку́й *м ист.* ушкуй *(завраҷи калони бодбонии белдор)*

ушку́йник *м ист.* ушкуйчӣ *(дар Руси Қадим — аъзои дастаи мусаллаҳи завраҷсавори ғоратгар)*

ушку́йничать *несов. ист.* ушкуйчигӣ кардан, роҳзанӣ кардан, ғорат кардан; *см.* **ушку́й**

ушни́к *м разг.* духтури гуш

ушн||о́й, -ая, -ое ...и гуш; **~о́е отве́рстие** сурохи гуш

уще́лист||ый, -ая, -ое (уще́лист, -а, -о) сердара, бисьёрдара; **~ые го́ры** кӯҳҳои сердара

уще́лье *с* дара

ущеми́ть *сов.* 1. *что разг.* чимди (қиссӣ) кардан, пучидан, пуччондан; **~ па́лец две́рью** ангуштро дар зер кард 2. *перен. кого-что* ба иззати нафси *касе* расидан, касеро ранҷондан, коҳонидан, озор додан 3. *перен. кого-что* танг (маҳдуд) кардан, фишор додан

ущеми́ться *сов. разг.* пучида шудан, чимдӣ (қиссӣ) шудан; фишор хӯрдан, халал расидан

ущемле́ние *с* *(по знач. гл.* **ущеми́ть**) 1. чимдӣ (қиссӣ) кардан(и); маҳдуд (танг) кардан(и); фишордиҳӣ, халалрасонӣ; **~ прав** маҳдуд кардани ҳуқуқ

ущемлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* чимдӣ (қиссӣ) кардашуда; маҳдуд (танг) кардашуда, фишор додашуда 2. *прил.* коҳида, озордида; **~ое самолю́бие** иззати нафси коҳида

ущемля́ть *несов. см.* **ущеми́ть**; **~ чьи-л. права́** ҳуқуқи касеро маҳдуд кардан

ущемля́ться *несов.* 1. *см.* **ущеми́ться**; 2. *страд.* чимдӣ (қиссӣ) карда шудан; маҳдуд (танг) карда шудан; халал расонда шудан

уще́рб *м* 1. зарар, зиён, халал; **без ~а** бе зарар, бе зиён; **причини́ть ~** зарар расонидан, зиён овардан; **в ~ кому́-чему́-л.** ба зарари (ба зиёни) касе, чизе 2. *перен.* костан(и), хурдшавӣ, пастравӣ; **на ~е** дар ҳолати таназзул ◇ **луна на ~е** *астр.* моҳи коста

ущерби́ть *сов. кого-что* 1. *книжн.* зарар (халал) расондан, зиён овардан 2. *перен.* маҳдуд (танг) кардан

ущерблённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* зарар (зиён, халал) расонидашуда 2. *прил. (оскорблённый)* таҳқиршуда, хоридида, озорьёфта, коҳида, озордида; **~ое самолю́бие** иззати нафси коҳида 3. *прил. см.* **уще́рбный** 1

уще́рбность *ж* 1. *(луны, месяца)* хурд шудан(и) *(оид ба моҳ)* 2. *(близость к упадку)* таназзул

уще́рбн||ый, -ая, -ое 1. *(о луне, месяце)* камшаванда, хурдшаванда; **~ый ме́сяц** моҳи коста 2. таназзулкунанда; **~ое иску́сство** санъати таназзулкунанда

ущипну́ть *сов.* 1. *кого-что* чимди кардан, пучидан 2. *перен. кого-что разг.* неш (заҳр) задан 3. *что разг.* пучида гирифтан, кандан

ущу́пать *сов. кого-что прост.* даст-даст карда ёфтан, ламс карда ёфтан, палмосида ёфтан

ущу́пывать *несов. см.* **ущу́пать**

ую́т *м* ҳузур, роҳат

ую́тно *нареч.* баҳузур, бароҳат; **~ устро́иться** баҳузур ҷой гирифтан

ую́тность *ж* боҳузурӣ, бароҳатӣ, ҳаловатнокӣ, баҳузур (бароҳат) будан(и)

ую́тный, -ая, -ое (ую́т|ен, -на, -но) 1. бароҳат, боҳузур, боҳаловат 2. боҳаловат, роҳат, гуворо; **дома́шний ~ вид** намуди боҳаловати гуворо

уязви́мость *ж* 1. нозукӣ, сустӣ 2. *перен.* нозукӣ, сустӣ, нозук (суст) будан(и)

уязви́м||ый, -ая, -ое (уязви́м, -а, -о) 1. таҳқиршуда, коҳида, озордида; **~ое самолю́бие** иззати нафси коҳида 2. нозук, суст; **~ое ме́сто** ҷои суст, ҷои нозук; **~ый уча́сток оборо́ны** қитъаи сусти мудофиа

уязви́ть *сов. кого-что* 1. *уст.* захм задан, захмдор кардан 2. *перен.* озор додан, ранҷонидан, неш задан; **~ самолю́бие** *кого-л.* бо иззати нафс расидан; **он хоте́л ~ меня́** у хост, ки ба ман неш занад

уязвле́ние *с* *(по знач. гл.* **уязви́ть**) захмзанӣ, озордиҳӣ, таҳқир, нешзанӣ

уязвлённ||ый, -ая, -ое 1. *прич.* захм задашуда 2. *прил.* озорьёфта, нешзада, заҳризабонзада; **~ое самолю́бие** иззати нафси коҳида

уязвля́ть *несов. см.* **уязви́ть**

уязвля́ться *несов. страд.* захм зада шудан, захмдор карда шудан; неш зада шудан

уясне́ние *с* *(по знач. гл.* **уясни́ть**) фаҳмиш, аниқ кардан(и)

уясни́ть *сов. что* фаҳмидан, аниқ кардан, равшан (возеҳ) кардан; **~ свои́ зада́чи** вазифаҳои худро аниқ кардан; **~ значе́ние сло́ва** маънии калимаро фаҳмида гирифтан

уясни́ться *сов.* аниқ (равшан, фаҳмо, возеҳ) шудан

уясня́ть *несов. см.* **уясни́ть**

уясня́ться *несов.* 1. *см.* **уясни́ться** 2. *страд.* аниқ карда шудан

Ф

фа *с нескл. муз.* фа *(нотаи чоруми гаммаи мусиқӣ)*

фабза́вуч *м* (фабри́чно-заводско́е учи́лище) омузишгоҳи назди фабрику завод *(то соли 1958)*

фабко́м *м* (фабри́чный комитет) фабком, комитети фабрикӣ *(то соли 1982)*

фа́брика *ж* фабрика; **бума́жная ~** фабрикаи коғазбарорӣ; **конди́терская ~** фабрикаи каннодӣ; **пряди́льная ~** фабрикаи ресмонресӣ; **спи́чечная ~** фабрикаи гӯгирд; **тка́цкая ~** фабрикаи бофандагӣ; **~-ку́хня** *ж* фабрикаи таомпазӣ ◇ **~ лжи** манбаи авомфиребӣ

фабрика́нт *м* 1. соҳиби фабрика 2. *уст. ирон.* авомфиреб

фабрика́т *м* маҳсул (масолеҳи) фабрика

фабрика́ция *ж* (*по знач. гл.* **фабрикова́ть**) истеҳсол кардан(и), истеҳсол, тайёр кардан(и); сохтан(и); **~ тка́ней** истеҳсоли матоъ

фабрикова́ть *несов. что* 1. *уст.* истеҳсол кардан, сохтан; **~ бума́гу** коғазро истеҳсол кардан 2. *перен. разг. (производить во множестве)* бе дарди миён баровардан 3. *перен. ирон.* сохта (бофта) баровардан; **~ слу́хи** овозаҳои бардурӯғ паҳн кардан

фабрикова́ться *несов. страд. уст.* истеҳсол карда шудан, сохта шудан; сохта (бофта) бароварда шудан

фабри́чно-заводск||о́й, **-а́я**, **-о́е** фабрику завод; **~о́е обуче́ние** таълими касбхон фабрику завод *(то соли 1958)*

фабри́чн||ый, **-ая**, **-ое** 1. фабрикӣ, ...и фабрика; **~ые корпуса́** биноҳои фабрика; **~ое клеймо́** тамғаи фабрика 2. саноатӣ; **~ый райо́н** райони саноати; **~ые города́** шаҳрҳои саноатӣ 3. *в знач. сущ.* **фабри́чный** *м уст.* коргари фабрика; **фабри́чная** *ж уст.* коргарзани фабрика

фа́була *ж лит.* мундарича

фа́бульный, **фабуля́рный**, **-ая**, **-ое** *лит.* ...и мундарича

фавн *м миф.* фавн (1. *худои боғу роғ, ҳомии чорво дар асотири Рими Қадим* 2. *маймуни америкоӣ)*

фаво́р *м* илтифот, марҳамат; **[быть] в ~е у кого́-л.** дар сояи давлати касе будан

фаво́рит *м* 1. *уст.* маҳрами даргоҳ // маҳбуби малика // *перен.* маҳбуб 2. *спорт.* авло; авлавӣ

фаворити́зм *м* ошнобозӣ, ҷӯрабозӣ

фавори́тка *ж уст. женск. к* **фаво́рит** 1

фаго́т *м муз.* сурнай

фаготерапи́я *ж мед.* фаготерапия *(бо воситаи давоҳои бактериофаг муолиҷа намудани баъзе касалиҳои сирояткунанда)*

фаготи́ст *м* сурнайнавоз

фагоци́тоз *м биол.* фагоцитоз *(ҳуҷайраҳои зинда ва ҷисмҳои беҷонро фурӯ кашидани фагоцит; яке аз роҳҳои худро муҳофизат кардани организм)*

фагоци́ты *мн.* (*ед.* **фагоци́т** *м*) *биол.* фагоцитҳо

фа́за *ж* 1. давра, марҳала; **пе́рвая ~ разви́тия** марҳалаи якуми инкишоф 2. *астр.* вазъ; **фа́зы Луны́** авзои Моҳ 3. *физ.*, *хим.* фаза, ҳолат; **жи́дкая ~** ҳолати обакии модда; **газообра́зная ~** ҳолати газосои модда; **твёрдая ~** ҳолати сахти модда 4. *эл.* фаза

фаза́н *м зоол.* тазарв, титав, мурғи даштӣ

фаза́ний, **-ья**, **-ье** ...и тазарв

фа́зис *м книжн.* марҳала, давра

фазо́метр *м физ.*, *тех.* фазометр, фазасанҷ

фазотро́н *м физ.* фазотрон *(суръатфизои зарраҳои зарядноки вазнин)*

фай *м текст.* хоро, хора

файдеши́н *м текст.* хораи комил

файдеши́нов||ый, **-ая**, **-ое** *уст.* ...и файдешин, файдешинӣ; **~ое пла́тье** куртаи файдешинӣ

фа́кел *м* машъал, машъала; сироҷ

фа́кельный, **-ая**, **-ое** ...и машъал, машъалӣ, машъалнок; **~ свет** нури машъал

фа́кельщик *м* [одами] машъалдор, машъалбардор

факи́р *м* 1. факир, дарвеш қаландар 2. шуъбадабоз, чашмбанд

факси́миле *с нескл.* 1. факсимиле *(акси айнии дастнавис, имзо ва ғ. ба воситаи фотографияи матбаа)* 2. *в знач. неизм. прил. и нареч.* факсимиле, айнан

факт *м* воқеа, ҳақиқат, амри воқеъ, факт; **истори́ческий ~** факти таърихӣ; **изложи́ть ~ы** фактҳоро баён кардан; **осно́вываться на ~ах** ба фактҳо асос кардан; **прове́рить ~ы** фактҳо тафтиш кардан; **~ы вопию́т** фактҳо шоҳиди ҳоланд; **искаже́ние ~ов** таҳрифи фактҳо, вайрон карда шудани ҳақиқат; **~ы говоря́т за себя́** худи фактҳо собит мекунанд ◇ **~, что...** ин факт аст, ки...; ҳақиқат аст, ки...; рост аст, ки...; ҳақиқатан; **~ то, что...** гап дар он аст, ки...; **~ то, что он отказа́лся прийти́** гап дар он аст, ки вай омадан нахост

факти́чески *нареч.* дар ҳақиқат, ҳақиқатан, амалан, дар амал, феълан, асосан; **~ де́ло обстои́т не так** дар амал вазъияти кор ин тавр нест; **рабо́та ~ уже́ зако́нчена** кор асосан анҷом дода шудааст

факти́ческ||ий, **-ая**, **-ое** 1. воқеӣ, ҳақиқӣ, амалӣ; **~ие да́нные** маълумоти ҳақиқӣ; **~ое доказа́тельство** далели ҳақиқӣ 2. ҳақиқӣ, аслӣ; **~ое положе́ние веще́й** ҳақиқати ҳол ◇ **~ий брак** *юр.* ақди никоҳи аслӣ

фа́ктор *м* 1. омил, сабаб 2. *уст.* даллол 3. *мат.* фактор

факториа́л *м мат.* факториал *(ҳосили зарби ҳамаи ададҳои бутун аз як то адади дода шудаи «n»)*

факто́рия *ж* дуккон; дукон

факту́ра *ж* 1. хосият 2. тобиш 3. *торг.* фактура *(рӯйхати молҳое, ки ба фуруш фиристода мешаванд ва нархи онҳо)*

факультати́вно *нареч.* ихтиёрӣ; факультативӣ

факультати́вн||ый, **-ая**, **-ое** (факульта́тив|ен, -на, -но) ихтиёрӣ, шартнабуда, факультативӣ; **~ые заня́тия** машғулиятҳои ихтиёрӣ

факульте́т *м* факультет; **фи́зико-математи́ческий ~** факультети физика ва математика

факульте́тск||ий, **-ая**, **-ое** ...и факультет, факультети; **~ое собра́ние** маҷлиси факультет

фал *м мор.* арғамчин, расан, таноб

фала́нга *ж* 1. *ист.* фаланга *(сафи зичи аскарони пиёда дар Юнони Қадим)* 2. қатор, саф 3. *анат.* буғум 4. *зоол.* каллаи гусола

фа́лда *ж* домани либос

фалло́пиевы: **~ тру́бы** *анат.* тухмираҳа

фальконе́т *м ист. воен.* занбӯрак

фальсифика́т *м* чизи қалбакӣ

фальсифика́тор *м* сохтакор, қаллоб; **~ы исто́рии** сохтакорони таърих

фальсифика́торский, **-ая**, **-ое** сохтакорона, қаллобона

фальсифика́ция *ж* 1. қалбакисозӣ, қалбакикорӣ, сохтакорӣ, қаллобӣ; **~ исто́рии** сохтакории таърих 2. чизи қалбакӣ, чизи сохта; **~ серебра́** нуқраи қалбакӣ

фальсифици́рованн||ый, **-ая**, **-ое** (фальсифици́рован, -а, -о) 1. *прич.* қалбакӣ кардашуда, сохта шуда 2. *прил.* қалбакӣ, сохта; **~ые да́нные** далелҳои қалбакӣ

фальсифици́ровать *сов.*, *несов. что* қалбакӣ кардан (сохтан), сохтакорӣ кардан

фальсифици́роваться *несов. страд.* сохтакорӣ карда шудан

фальста́рт *м спорт.* фальстарт *(нодуруст сар кардани старт, ки яке аз иштирокчиёни мусобиқа пеш аз сигнал ҳаракат сар карда бошад)*

фальц *м* 1. *тех.* қатпайванд, зеҳпарчин 2. *спец.* зеҳ 3. *полигр.* зеҳгир *(пораи матои муқова, ки ба он варақҳо васл мешаванд)*

фальцго́бель *м* зеҳранда

фальцева́льн||ый, **-ая**, **-ое** ...и зеҳгирӣ; **~ая маши́на** мошини зеҳгирӣ

фальцева́ние *с см.* **фальцо́вка**

фальцева́ть *несов., что полигр.* зеҳгирӣ

фальцо́вка *ж* (*по знач. гл.* **фальцева́ть**) зеҳгирӣ

фальцо́вщик *м полигр.* зеҳгар

фальцо́вщица *женск. к* **фальцо́вщик**

фальши́вить *несов.* 1. риёкорона (мунофиқона) рафтор кардан, риёкорӣ (мунофиқӣ) кардан, қаллобӣ (сохтакорӣ) кардан 2. *муз.* ноҷур будан, ноҷӯр навохтан (сурудан)

фальши́вка *ж разг.* ҳуҷҷати қалбакӣ, санади сохта

фальшивомоне́тчик *м* набаҳрасоз

фальши́в||ый, **-ая**, **-ое** (фальши́в, -а, -о) 1. сохта, сунъӣ, қалбакӣ, ориятӣ, набаҳра; **~ая спра́вка** справкаи қалбакӣ; **~ая коса́** мӯи ориятӣ 2. сохтакорона; **~ое поведе́ние** рафтори сохтакорона, риёкорона, мунофиқона; **~ая улы́бка** табассуми риёкорона 3. *муз.* ноҷӯр 4. духӯра, ногувор, носоз, хиҷолатовар; **~ое положе́ние** ҳолати ногувор

фальшь *ж* 1. *уст.* кизб 2. дуруягӣ, риёкорӣ, мунофиқӣ; **в его́ улы́бке сквози́ла ~** табассуми у риёкорона буд 3. *муз.* ноҷӯрии оҳанг

фамилия *ж* 1. фамилия; **как ваша ~?** фамилияи шумо чист? 2. *уст.* оила, хонавода

фамильн||ый, -ая, -ое 1. оилавӣ 2. ирсӣ, меросӣ; **~ое сходство** наздикии ирсӣ

фамильярничать *несов. разг.* бетакаллуфӣ (густохӣ) кардан, аз одоб берун рафтор кардан, бетакаллуфона (густохона) рафтор кардан

фамильярно *нареч.* бетакаллуфона, густохона, аз одоб берун; **разговаривать с кем-л. ~** бо касе бетакаллуфона гап задан

фамильярность *ж* 1. бетакаллуфӣ, густохӣ, муомилаи аз одоб берун 2. рафтори бетакаллуфона, густохӣ; **допустить ~** густохӣ (бетакаллуфӣ, беодобӣ) кардан

фамильярн||ый, -ая, -ое (фамильяр|ен, -на, -но) бетакаллуф, густох(она), аз одоб берун; **~ое обращение** муомилаи густохона

фанаберия *ж* 1. калонигарӣ, ҳавобаландӣ, мутакаббирӣ, мағрурӣ, кибру ғурур 2. *прост.* нозунуз, инчикӣ; майлу ҳавас

фанатизм *м* таассуб; **религиозный ~** таассуби динӣ

фанатик *м прям., перен.* мутаассиб

фанатически *нареч. см.* **фанатично**

фанатическ||ий, -ая, -ое мутаассиб(она); **~ая вера во что-л.** эътиқоди мутаассибона ба чизе

фанатичка *женск. к* **фанатик**

фанатично *нареч.* мутаассибона

фанатичность *ж* мутаассибона будан(и), мутаассибӣ

фанатичный, -ая, -ое (фанатич|ен, -на, -но) 1. мутаассиб; **~ человек** мутаассиб 2. *см.* **фанатический**

фанданго *с нескл.* фанданго *(рақси халқии испанӣ)*

фанера *ж* фанер

фанерн||ый, -ая, -ое ...и фанер, фанерӣ; **~ая перегородка** тавораи фанерӣ

фанерование *с* фанеронӣ

фантазёр *м* хаёлпараст

фантазёрка *женск. к* **фантазёр**

фантазировать *несов.* 1. хаёлпарастӣ кардан 2. бофтан, бофта баровардан

фантази||я *ж* 1. сайри хаёлот; **~я художника** сайри хаёлоти рассом; **богатая ~я** сайри хаёлоти бой 2. хаёл, орзу; **предаваться ~ям** ғарқи хаёлот шудан 3. дуруғ, муҳобот; **это всё его ~и** ин ҳама муҳоботи вай аст 4. *разг.* хавою ҳавас, орзуву ҳавос, ноз, нозунуз, қилиқ, инчикӣ; **что ещё за ~я!** боз ин чӣ ноз аст! 5. *муз.* фантазия *(асари мусиқии услубаш махлут)*

фантасмагорический, -ая, -ое *книжн.* ...и фантасмагория, фантасмагорикӣ, ...и шабаҳ, шабаҳмонанд

фантасмагория *ж книжн.* 1. руъё 2. *опт.* шабаҳ

фантаст *м* 1. хаёлпараст, пурхаёл 2. *лит.* фантаст *(нависандаи асарҳои хаёлӣ)*

фантастика *ж* фантастика (1. *шакли инъикоси олам дар намудҳои гуногуни санъату адабиёт, ки дар айни он ба заминаи воқеии объекти тасвир манзараҳои ғайритабиӣ, пурмӯъҷиза ва хаёлии зиндагӣ илҳоқ карда мешаванд* 2. *асарҳое ба ин шакл навишта шудаанд)*

фантастическ||ий, -ая, -ое 1. ...и фантазия, фантастики, аҷоибу ғароиб, афсонавӣ; **~ие очертания гор** тарҳи аҷоиби кӯҳсор 2. хаёлӣ, ҳавоӣ, бофта, сохта, беасос; **~ие данные** маълумотҳои бофта 3. иҷронашаванда, ба амал набароянда, маҳол; **~ий план** плани иҷронашаванда

фантастичность *ж* 1. фантастики будан(и), афсонавӣ будан(и), аҷоибу ғароиб будан(и) 2. хаёлӣ (иҷронашаванда, маҳол)

фантастичный, -ая, -ое (фантастич|ен, -на, -но) *см.* **фантастический**

фантом *м* 1. *книжн.* сароб 2. *мед.* суроб

фанфара *ж* 1. шайпур 2. шайпурнавозӣ

фанфарон *м* худсито, лофгӯй, лофзан

фанфаронство *с* худситоӣ, лофгӯӣ, лофзанӣ

фара *ж* чароғ; **~ автомобиля** чароғи автомобиль

фарада *ж эл.* фарада *(воҳиди зарфияти электрик)*

фараон *м* 1. *ист.* фиръавн 2. *уст. презр.* фараон *(лақаби таҳқиромези полицайҳо)*

фараонов, -а, -о ...и фиръавн ◇ **~а мышь** *см.* **ихневмон**

фарватер *м мор.* маъбар ◇ **плыть (идти, быть) в ~е кого-л.** накораи дасти касе бурдан

фарингит *м мед.* дарди гулӯ

фарисей *м* 1. *ист.* аҳли риё *(аҳли яке аз тариқатҳои қадимии яҳудия, ки ба Таврот назари бидъат дошт, ба ин сабаб дар Таврот онҳоро риёкор гуфтаанд)* 2. *перен.* риёкор, мунофиқ, дуруя

фарисейск||ий, -ая, -ое риёкорона, ...и мунофиқона, дуруя; **~ая улыбка** табассуми мунофиқона

фарисейство *с* риёкорӣ, мунофиқӣ, дуруягӣ

фармаколог *м* фармаколог, мутахассиси соҳаи фармакология

фармакологический, -ая, -ое фармакологӣ

фармакология *ж* фармакология *(илм. мест, ки ба организми одам чи гуна таъсир намудани доруҳоро меомӯзад ва тарзи кор фармудани онҳоро муайян менамояд)*

фармакопея *ж мед.* фармакопея, дорунома, давонома

фармацевт *м* фармацевт, дорусоз

фармацевтика *ж см.* **фармация**

фармацевтическ||ий, -ая, -ое 1. ...и фармацевт, ...и фармацевтика; **~ие курсы** курси фармацевтика 2. ...и дорусозӣ

фармация *ж* фармация *(илми дорусозӣ)*

фарс *м* 1. *театр.* масхара 2. *перен. уст. разг.* густохӣ; қиликхунукӣ 3. *перен.* масхара

фарт *м прост.* барор, омади кор

фартить *несов. безл. кому-чему* барор ёфтан, омад кардан

фартук *м* 1. пешгир, пешдоман; **белый ~** пешдомани сафед 2. *тех.* чилд, лифофа, руйпуш

фарфор *м* 1. фахфур; **китайский ~** фахфури чинӣ 2. *собир.* чинивор(ӣ)

фарфоров||ый, -ая, -ое фахфурӣ, ...и чиниворӣ; **~ая глина** гилбута; **~ая чашка** косаи фахфурӣ

фарш *м* [гушти] қима, гушти кӯфта

фаршированный, -ая, -ое 1. *прич.* қима андохташуда 2. *прил.* қимадор

фаршировать *несов. что* қима андохтан

фаршировка *ж (по знач. гл.* **фаршировать)** кимаандозӣ

фас *м* пеш, руй ◇ **в ~** аз пеш

фасад *м* намо; **~ здания** намои иморат

фасадный, -ая, -ое ...и намои иморат

фаска *ж* 1. *(кромка, скошенный край)* канора, рах, ҳошия 2. *(отточенная сторона лезвия)* дами теғ, теға

фасовать *несов. что* пешакӣ баркашида печондан, қадоқ кардан *(молро)*

фасовка *ж (по знач. гл.* **фасовать)** пешакӣ баркашида печондан(и), қадоқ кардан(и)

фасовщик *м* қадоқгар

фасовщица *женск. к* **фасовщик**

фасолевый, -ая, -ое лӯбиёӣ, ...и лубиё

фасоль *ж (растение и плоды)* лубиё

фасон *м* 1. фасон; **новый ~ обуви** фасони нави пойафзол 2. *перен.* шакл, услуб, тарз; **другого ~а** ба тарзи (шакли) дигар 3. *прост.* сатангӣ; **держать ~** сатангӣ кардан

фасонистый, -ая, -ое (фасонист, -а, -о) *прост.* ...и фасон; сатангнамо; **~ костюм** костюми фасон

фасонить *несов. прост.* сатангӣ кардан

фасонн||ый, -ая, -ое *тех.* мукарнас, печдор; **~ое железо** оҳани мукарнас; **~ый кирпич** хишти мукарнас; **~ые трубы** лулаҳои печдор

фат *м* бодӣ

фата *ж* сарандози арус

фатализм *м книжн.* қадария; тақдирпарастӣ

фаталист *м книжн.* тақдирпараст

фаталистический, -ая, -ое 1. ...и қадария, ...и тақдирпарастӣ 2. ногузир, ноилоҷ

фаталистичный, -ая, -ое (фаталистич|ен, -на, -но) *см.* **фаталистический** 2

фаталистка *женск. к* **фаталист**

фатально *нареч.* ногузир, аз руи қазову қадар, ноилоҷ; **ему ~ не везёт** насибааш ноомади кор будааст

фатальность *ж* қазову қадарӣ, ногузирӣ, ноилоҷӣ

фатальный, -ая, -ое (фата|лен, -льна, -льно) ногузир, ноилоҷ

фата-моргана *ж* сароб

фатоватость *ж* бодигӣ

фатоватый, -ая, -ое (фатоват, -а, -о) бодиёна, бодинамо; **~ вид** қиёфаи бодинамо

фатовск||ой, -ая, -ое бодиёна, бодӣ; **~ие манеры** кирдори бодиёна

фатовство *с* бодигӣ

фатум *м* кисмат, тақдир, сарнавишт, толеъ

фауна *ж* ҳайвонот, фауна; **морская ~** ҳайвоноти баҳрӣ

фашизм *м* фашизм

фашина *ж* банди шох

фашист *м* фашист

фашиствующ||ий, -ая, -ее фашистбашара; **~ие элементы** унсурҳои фашистбашара

фашистка *женск. к* **фашист**

фашистск||ий, -ая, -ое фашистӣ, ...и фашизм, ...и фашист; **~ие молодчики** авбошҳои фашистӣ

фаэтон *м* 1. *уст.* фойтун 2. *авт.* автомобили сабукрави болояш кушода

фаянс *м* 1. фаянс, чинии хом; **тарелка из ~а** табақчаи фаянсӣ 2. *собир.* маснуоти фаянсӣ

фаянсов||ый, -ая, -ое фаянсӣ; **~ая посуда** зарфҳои фаянсӣ

февраль *м* февраль, моҳи февраль

февральский, -ая, -ое февралӣ, ...и февраль, ...и моҳи февраль

федерализм *м полит.* федерализм (*шакли федеративии давлатдорӣ-федерацияталабӣ, федерацияхоҳӣ*); **социалистический ~** федерализми социалистӣ

федералист *м* тарафдори федерализм

федералистический, -ая, -ое ...и федерализм, федералисти

федеральн||ый, -ая, -ое федералӣ; **~ое государство** давлати федералӣ

федеративн||ый, -ая, -ое федеративӣ, ...и федерация; **~ая республика** республикаи федеративӣ

федерация *ж* федерация (1. *шакли давлатдорӣ, ки мувофиқи он ҳар як аъзои федерация соҳиби конституция, қонунгузорӣ, органҳои иҷроия, суд ва ғ. буда, дар айни ҳол, ҳама якҷоя органҳои федералии ҳокимияти давлатиро таъсис менамоянд ва як хел гражданият, як хел пул ва ғ. доранд* 2. *номи баъзе иттиҳоду ташкилотҳои байналхалқӣ ва байналмилалӣ*); **Российская Федерация** Федерацияи Россия; **Всемирная ~ профсоюзов** Федерацияи умумиҷаҳонии иттифоқҳои касаба; **Всемирная ~ демократической молодёжи** Федерацияи умумиҷаҳонии ҷавонони демократ

феерическ||ий, -ая, -ое ...и феерия, мафтункунанда, афсонавӣ; **~ие огни** оташи афсонавӣ

феерия *ж* 1. *театр.* феерия (*намоиши театр ва ё цирк, ки бо шукӯҳу ҳашамати фавқулодда гузошта мешавад*) 2. *перен.* манзараи аҷоиб, манзараи афсонавӣ (ғалатӣ)

фейерверк *м* тарфбозӣ, оташи тарф ◇ **~ слов** фаввораи сухан

фейерверкер *м уст. воен.* унтер-офицери артиллерия

фекалии *мн.* саргин, наҷосат

фекальный, -ая, -ое ...и саргин, ...и наҷосат

феллах *м* фаллоҳ

феллахский, -ая, -ое ...и фаллоҳ

фельдмаршал *м воен.* фельдмаршал (*мансаби олии генералӣ дар армияи пешазреволюционии Россия ва баъзе армияҳои хориҷӣ*)

фельдмаршальский, -ая, -ое ...и фельдмаршал, фельдмаршалӣ; **~ жезл** кавкабаи фельдмаршалӣ

фельдфебель *м воен.* фельдфебель (*унтер-офицери калони қисмҳои пиёдагард, артиллерия ва ғ. дар армияи пешазреволюционии Россия ва баъзе армияҳои хориҷӣ; инчунин унвони у*)

фельдфебельский, -ая, -ое ...и фельдфебель, фельдфебелӣ

фельдшер *м* фельдшер, дастьёри духтур

фельдшерица *женск. к* **фельдшер**

фельдшерск||ий, -ая, -ое фельдшери, ...и фельдшер; **~ая школа** мактаби фельдшерӣ

фельдъегерск||ий, -ая, -ое ...и фельдъегерь; **~ая связь** алоқа ба воситаи фельдъегерь

фельдъегерь *м* фельдъегерь (*чопари ҳарбӣ ва ё ҳукуматӣ барои расонидани ҳуҷҷатҳои муҳим ва махфӣ*)

фельетон *м* фельетон

фельетонист *м* фельетоннавис, фельетоннигор

фельетонистка *женск. к* **фельетонист**

фельетонный, -ая, -ое фельетонӣ, ...и фельетон; **~ стиль** услуби фельетонӣ

фелюга *ж мор.* фулк (*киштии хурди бодбондор*)

феминизм *м полит.* феминизм (*ҳаракати сиёсии буржуазӣ дар мамлакатҳои капиталистӣ, ки мақсади он муваффақ шудан ба баробарҳуқуқии расмии занон мебошад*)

феминист *м* феминист, тарафдори феминизм

феминистка *женск. к* **феминист**

феминистский, -ая, -ое ...и феминизм, ...и феминист

фен *м* фен, мӯхушккунак

фён *м* кӯҳбода

фендрик *м уст. шутл.* бодича

фенек *м зоол.* фанак

феникс *м* 1. *миф.* самандар 2. *астр.* (*Ф прописное*) Самандар (*галаситораест дар осмони нимкураи ҷанубӣ*)

фенол *м хим.* фенол; кислотаи фталат

феноловый, -ая, -ое *хим.* ...и фенол, фенолӣ; ...и кислотаи фталат

фенолог *м* фенолог, мутахассиси фенология

фенологический, -ая, -ое *биол.* фенологӣ, ...и фенология

фенология *ж биол.* фенология (*фасли биология, ки тағьироти мавсимии табиатро меомӯзад*)

феномен *м* 1. *филос.* хирқ; хориқа 2. беназир, беҳамто, бемисл

феноменализм *м филос.* феноменализм, хориқия (*таълимоти фалсафӣ, ки фақат ҳодисаро мавриди тадқиқи дарк дониста, идроки моҳияти ашьёро инкор мекунад, ба ин сабаб ё ба субъективизми идеалистӣ ё ба агностицизм майл мекунад*)

феноменально *нареч.* фавқулодда, беназир, беҳамто

феноменальн||ый, -ая, -ое (феномена|лен, -льна, -льно) 1. ...и феномен 2. фавқулодда, беназир, беҳамто; **~ые способности** қобилияти фавқулодда; **~ая память** ҳофизаи беназир

фенхель *м бот.* розиёна

феод *м ист.* мулк (амлоки) феодал

феодал *м ист.* феодал, мулкдори калон

феодализм *м* феодализм

феодальн||ый, -ая, -ое феодалӣ, ...и феодализм; **~ый строй** сохти феодалӣ; **~ая монархия** ҳокимияти феодалӣ; **~ый гнёт** зулми феодалӣ; **~ые пережитки** боқимондаҳои феодалӣ

ферзевый, -ая, -ое ...и фарзин

ферзь *м шахм.* фарзин

ферма I *ж с.-х.* ферма; **животноводческая ~** фермаи чорводорӣ; **молочная ~** фермаи шир(ӣ); **колхозная ~** фермаи колхозӣ

ферм||а II *ж тех.* қафаса; **~ы моста** қафасаи пул (купрук); **стальная ~а** қафасаи фулодӣ

фермата *ж муз.* мадда

ферментация *ж биол., хим.* ферментони; **~ табака** ферментонии тамоку

ферменты *мн.* (*ед.* **фермент** *м*) *биол.* ферментҳо (*катализаторҳои биологии таркиби ҳуҷайраҳои зинда*)

фермер *м* фермер (*соҳиби ферма дар мамлакатҳои капиталистӣ*)

фермерск||ий, -ая, -ое ...и фермер, фермерӣ; **~ое хозяйство** хоҷагии фермер

фермерство *с* 1. фермадорӣ, хоҷагидорӣ 2. *собир.* фермерҳо

фермерша *ж* 1. *женск. к* **фермер**; 2. зани фермер

фермуар *м* 1. *спец.* қулфак, бандак 2. *тех.* қалами ҳаккокӣ

фернамбук *м* 1. *бот.* бақам, дарахти бақам 2. қирмиз

ферриты *мн.* (*ед.* **феррит** *м*) *хим.* ферритҳо

ферромагнетизм *м физ.* ферромагнетизм

ферросплав *м тех.* хӯлаи оҳан

ферт *м разг.* олуфта

ферула *ж уст. книжн.* 1. адабчуб 2. назорати дилбазан

ферула *ж бот.* камол; сунбули мушкин; **~ Евгения** касруф; **~ вонючая** ров; **~ Никитина** рошак

фес *м*, **феска** *ж* фаска

фестивал||ь *м* фестиваль; **Международный ~ь молодёжи** Фестивали байналхалқии ҷавонон; **~ь телевизионных фильмов** фестивали фильмҳои телевизионӣ; **участник ~я** иштироккунандаи фестиваль

фестон *м* 1. шилшила 2. *архит.* кунгура; гулғаҷ

фетиш *м* 1. *этн.* тумор, бозубанд 2. *перен.* маъбуд, бут, санам

фетишизация *ж* (*по знач. гл.* **фетишизировать**) парастиш

фетишизи́ровать *несов. кого-что* парастидан, саҷда (ибодат) кардан

фетиши́зм *м* 1. *этн.* туморпарастӣ 2. *перен.* парастиш ◇ **това́рный ~** парастиши мол

фетр *м* фетр *(намади тунуки нафис)*

фе́тров||ый, -ая, -ое ...и фетр, фетрӣ; **~ая шля́па** кулоҳи фетр

фетю́к *м уст. прост.* ҳезалак, безарда, гоч

фефёла *ж прост.* кунда *(зани фарбеҳи фаҳул)*

фе́фер *м*: **зада́ть (показа́ть) ~у** қаланфур молидан; ба тахта кашидан

фехтова́льный, -ая, -ое ...и шамшербозӣ

фехтова́льщик *м спорт.* шамшербоз

фехтова́льщица *женск. к* **фехтова́льщик**

фехтова́ние *с спорт.* шамшербозӣ

фехтова́ть *несов. спорт.* шамшербозӣ кардан

фешене́бельность *ж* боҳашамат будан(и), бошукуҳӣ

фешене́бельный, -ая, -ое (фешенебе|лен, -льна, -льно) боҳашамат, бошукуҳ

фе́я *ж* парӣ, соҳира

фи *межд.* эҳ, уҳ; **фи, кака́я га́дость!** эҳ, чӣ нафратангез аст!

фиа́кр *м уст.* фойтуни якаспа

фиа́л *м* 1. пиёла 2. *уст. поэт.* қадаҳ, ҷом

фиа́лка *ж бот.* бунафша

фиа́лковый, -ая, -ое 1. ...и бунафша 2. *в знач. сущ.* **фиа́лковые** *мн. бот.* бунафшаиҳо

фиа́ско *с нескл.* нокомӣ, шикаст, нобарорӣ; **потерпеть ~** шикаст хӯрдан

фи́бра *ж* 1. раг, пай 2. **фи́бры** *мн. перен.* замир; **всё́ми ~ами души́** аз замири дил 3. *уст. книжн.* зарра 4. *тех.* чармкартон

фи́бровый, -ая, -ое ...и чармкартон; **~ чемода́н** ҷомадони чармкартон

фибро́зный, -ая, -ое *анат.* суддаБанд

фиброли́т *м стр.* чубсанг *(масолеҳи бинокорӣ, ки аз гарди арра ва цемент тайёр карда мешавад)*

фиброли́товый, -ая, -ое ...и чубсанг

фибро́ма *ж мед.* муғунда

фи́га *ж* 1. *(дерево)* дарахти анҷир; *(плод)* анҷир 2. фига, кукиш *(муште, ки ангушти бузург аз байни ангушти ишора ва миёна гузаронида шуда бошад, ки ишораи радди қатъӣ аст)*

фи́гли-ми́гли *мн. разг.* ҳилаву найранг, бозӣ ва найранг, қилиқбозӣ

фигля́р *м* 1. *уст.* масхарабоз, ширинкор, найрангбоз 2. *перен.* мулоимхунук

фигля́рство *с* 1. *уст.* масхарабозӣ, ширинкорӣ, найрангбозӣ 2. *перен.* худнамоии мулоимхунукона

фи́гов||ый, -ая, -ое анҷирӣ, ...и анҷир; **~ое де́рево** дарахти анҷир ◇ **~ый листо́к** барги (пардаи) авратпуш, айбпуш *(дар сурат ва муҷассамаҳо лӯнгие ба шакли барги анҷир)*; **прикрыва́ться ~ым листко́м** қабоҳатро риёкорона рӯйпӯш кардан

фигу́р||а *ж* 1. андом, қадду комат, ҷусса; **стро́йная ~а** қадду қомати зебо; **у него́ ~а атле́та** ҷуссаи ӯ ба паҳлавон монанд 2. *уст.* суроб, зоҳир 3. *перен.* фард, шахс, симо; **он кру́пная ~а в о́бласти матема́тики** вай дар соҳаи математика симои бузург аст; **кру́пная полити́ческая ~а** симои бузурги сиёсӣ 4. *мат.* шакл; **геометри́ческие ~ы** шаклҳои геометрӣ 5. *шахм.* муҳра 6. ҳолат, ҳаракат *(дар рақс, шамшербозӣ ва ғ.)*; **~ы ва́льса** ҳаракатҳои вальс 7. *карт.* картаи суратдор *(саллот, модка, шоҳ, туз)* 8. *иск.* ҳайкал, муҷассама; **мрамо́рная ~а оле́ня** ҳайкали мармарии оҳу 9. *лит.* ибораи маҷозӣ, киноя, истиора; **~а умолча́ния** каломи мақсур 10. *ав.* тарзи парвоз; **~ы вы́сшего пилота́жа** тарзҳои санъати олии парвоз ◇ **представля́ть собо́й жа́лкую ~у** намуди оҷизона доштан

фигура́льно *нареч.* маҷозан; **~ выража́ясь** маҷозан гуфта

фигура́льность *ж* маҷозӣ будан(и)

фигура́льн||ый, -ая, -ое (фигура́|лен, -льна, -льно) маҷозӣ, киноявӣ, истиорагӣ; **~ое выраже́ние** ибораи маҷозӣ

фигури́рова||ть *несов.* будан, иштирок кардан; **~ть в ка́честве консульта́нта** ба сифати мушовир будан; **э́тот вопро́с неоднокра́тно ~л на пове́стке дня** ин масъала борҳо дар рузнома буд

фигури́ст *м спорт.* фигурист *(раққоси руи ях)*

фигури́стка *женск. к* **фигури́ст**

фигу́рист||ый, -ая, -ое 1. мавзунқомат 2. маҷозӣ, кинояомез, киноядор; **~ая речь** сухани кинояомез

фигу́рн||ый, -ая, -ое 1. ...и нақши муқарнас, муқарнас; **~ая резьба́** кандакорӣ 2. ...и ҳаракатҳои гуногун, гуногунҳаракат; **~ое ката́нье [на конька́х]** дар конкитозӣ иҷро кардани ҳаракатҳои гуногун; **~ые полёты** *ав.* парвозҳои гуногуншакли самолёт

фигуря́ть *несов. прост.* 1. худнамоӣ кардан 2. лоф задан, худситоӣ кардан

фидеи́зм *м филос.* фидеизм *(назарияи зиддиилмӣ, ки ақидаи диниро ягона меъёри ҳақиқат мешуморад)*

фидеи́ст *м* аҳли фидеизм

фи́зик *м* физик, мутахассиси физика

фи́зика *ж* физика; **прикладна́я ~** физикаи амалӣ; **теорети́ческая ~** физикаи назарӣ; **молекуля́рная ~** физикаи молекула; **хими́ческая ~** физикаи химиявӣ; **~ а́томного ядра́** физикаи ядрои атом

фи́зико-математи́ческий, -ая, -ое физикию математикӣ, ...и физика ва математика; **~ факульте́т** факультети физика ва математика

фи́зико-техни́ческ||ий, -ая, -ое физикию техникӣ; **~ие измере́ния** ченкуниҳои физикию техникӣ

физиокра́ты *мн.* (*ед.* **физиокра́т** *м*) физиократҳо *(пайравони таълимоти иқтисоди сиёсии асри 18, ки замин ва зироатро ягона манбаи сарват, меҳнати деҳқононро ягона меҳнати самаранок мешумориданд)*

физио́лог *м* физиолог, мутахассиси физиология

физиологи́ческ||ий, -ая, -ое 1. физиологӣ, ...и физиология; **~ие проце́ссы** процессҳои физиологӣ; **~ий раство́р** маҳлули физиологӣ; **~ая хи́мия** химияи физиологӣ 2. сириштӣ, табиӣ; **испы́тывать ~ое отвраще́ние** табиатан нафрат доштан

физиоло́гия *ж* физиология *(илме, ки вазифа ва кори узвҳои организмро меомӯзад)*; **~ челове́ка** физиологияи одам; **~ расте́ний** физиологияи наботот; **~ дыха́ния** физиологияи нафаскашӣ; **~ кровообраще́ния** физиологияи гардиши хун

физиономи́ст *м* қиёфашинос

физионо́мия *ж* 1. қиёфа, чеҳра, рӯй, симо, башара; **хи́трая ~** башараи маккорона; **у него́ ~ вы́тянулась** 1) *(от удивления)* кайфаш парид 2) *(от худобы)* чеҳрааш коҳидааст, чеҳрааш хароб шудааст 2. *перен.* симо; намуд; **полити́ческая ~ учёного** симои сиёсии олим

физиотерапе́вт *м* физиотерапевт, мутахассиси физиотерапия

физиотерапевти́ческий, -ая, -ое ...и физиотерапия; **~ кабине́т** кабинети физиотерапия

физиотерапи́я *ж* физиотерапия *(соҳаи тиб, ки таъсири омилҳои табиат — об, рушноӣ ва ҳоказоро меомузад)*

физи́чески *нареч.* ҷисман; **он ~ силён и выно́слив** вай ҷисман бокувват аст

физи́ческ||ий, -ая, -ое 1. ...и физика, физикӣ; **~ий факульте́т** факультети физика; **~ий кабине́т** кабинети физика; **~ие о́пыты** таҷрибаҳои физикӣ; **~ая хи́мия** химияи физикӣ 2. ҷисмонӣ; **~ая си́ла** қувваи ҷисмонӣ; **~ий труд** меҳнати ҷисмонӣ; **~ие упражне́ния** машқҳои ҷисмонӣ; **~ое разви́тие** инкишофи (сабзиши) ҷисмонӣ; **~ая уста́лость** мондашавии ҷисмонӣ 3. ҷинсӣ; **~ая бли́зость** алоқаи ҷинсӣ ◇ **~ая геогра́фия** географияи табиӣ; **~ий изно́с** фарсудашавӣ; **~ая культу́ра** тарбияи (варзиши) бадан; **~ое лицо́** *юр.* фард

физкульту́ра *ж* тарбияи (варзиши) бадан

физкульту́рник *м* варзишгар; **пара́д ~ов** паради варзишгарон

физкульту́рница *женск. к* **физкульту́рник**

физкульту́рный, -ая, -ое ...и физкультура, ...и тарбияи (варзиши) бадан; **~ пара́д** паради варзишгарон

-фика́ция *қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «кунондашуда»:* **электрифика́ция** электриконӣ, электрификация

фикса́ж *м фото* сабтдору

фикса́ция *ж* (*по знач. гл.* **фикси́ровать**) қайд кардан(и); муайянкунӣ, муқарраркунӣ; ҷалб кардан(и); мустаҳкам кардан(и); (*по знач. гл.* **фик-**

сйроваться) мутаваччеҳ шудан(и); мустаҳкам шудан(и); ~ **внимания** ҷалб кардани диққат

фикси́рование *с см.* **фикса́ция**; ~ **собы́тий** қайд кардани ҳодисаҳо

фикси́ровать *несов. что* 1. *книжн.* қайд кардан, навишта гирифтан; ~ **все замеча́ния и исправле́ния** ҳамаи эродҳо ва ислоҳҳоро қайд кардан 2. муайян (муқаррар) кардан; ~ **часы заня́тий** соатҳои машғулиятро муайян кардан 3. нигарондан, ҷалб кардан, мутаваччеҳ кардан; ~ **внима́ние на чём-л.** ба чизе диққат ҷалб (равона) кардан 4. мустаҳкам (маҳкам, устувор) кардан 5. *фото* фиксаж кардан

фикси́рова||ться *несов.* 1. мутаваччеҳ шудан; **его́ внима́ние** ~**лось на выступа́вших** диққати вай ба суханони нотиқон банд шуд 2. мустаҳкам (маҳкам, устувор) шудан 3. *страд.* қайд карда шудан; муайян карда шудан

фикти́вность *ж* бардуруғ будан(и), сохтагӣ (қалбакӣ, бофта) будан(и); ~ **да́нных** қалбакӣ (дуруғ) будани далелҳо

фикти́вн||ый, -ая, -ое (фикти́в|ен, -на, -но) бардуруғ, сохта, қалбакӣ; ~**ый брак** никоҳи сохта; ~**ые све́дения** маълумотҳои бардуруғ; ~**ые права́** ҳуқуқҳои қалбакӣ ◇ ~**ый капита́л** *эк.* коғазҳои қимматнок, акция *(дар мамлакатҳои капиталистӣ)*

фи́кус *м бот.* тутанҷир

фи́кция *ж* ҳарза, сафсата, жож

-фил *қисми дуюми калимаҳои мураккаб ба маънои «дуст»:* **библиофи́л** китобдуст

филантро́п *м* инсондуст; одами некукор, соҳибэҳсон

филантропи́ческий, -ая, -ое ...и инсондустӣ, ...и некукорӣ, ...и хайру эҳсон

филантро́пия *ж* инсондустӣ; некукорӣ

филантро́пка *женск. к* **филантро́п**

филармони́ческ||ий, -ая, -ое филармонӣ, ...и филармония; ~**ие конце́рты** концертҳои филармония ◇ ~**ое о́бщество** ҷамъияти мусиқидустон

филармо́ния *ж* филармония

филатели́зм *м см.* **филатели́я**

филатели́ст *м* филателист

филателисти́ческ||ий, -ая, -ое 1. ...и филателизм, филателистӣ 2. ...и филателист; ~**ое о́бщество** ҷамъияти филателистӣ

филатели́я *ж* филателия *(ҷамъ овардани маркаҳои почта)*

филе́ I *с нескл. (вышивка)* турдузӣ

филе́ II *с нескл.* 1. *(часть мясной туши)* гушти лаҳм 2. *(рыба или мясо, очищенное от костей)* гушти лаҳми моҳӣ, гушти лаҳм

филе́й *м см.* **филе́** II 1

филе́йн||ый I, -ая, -ое ...и турӣ, ...и турдузӣ; ~**ая вы́шивка** турдузӣ

филе́йн||ый II, -ая, -ое ...и гушти лаҳм; ~**ая часть ту́ши** гушти лаҳм

филёнка *ж* 1. зеҳтахта; **две́рная** ~ зеҳтахтаи дар 2. *архит.* изора, ҳошия

филёночный, -ая, -ое ...и зеҳтахта; ...и изора

филёр *м уст.* хуфия, ҷосус

филиа́л *м* филиал, шуъба; ~ **Госба́нка СССР** филиали Банки давлатии СССР

филиа́льный, -ая, -ое филиалӣ, ...и шуъба

филигра́нн||ый, -ая, -ое 1. заргарӣ; ~**ые изде́лия** маснуоти заргарӣ 2. *перен.* нафис, нозук, зариф; ~**ая рабо́та** кори нозук

филигра́нь *ж* 1. малилакорӣ 2. *(водяной знак на бумаге)* қолаби муҳроб 3. симкубаи муқова

фи́лин *м зоол.* бум, чуғз

фили́ппика *ж книжн.* таъниф *(гапи сахт; киноя аз нутқҳои оташини Демосфен, ки Файлақуси II-ро таъна мекарданд)*

фили́стер *м книжн.* кундзеҳн

фили́стерский, -ая, -ое *книжн.* кундзеҳн

фили́стерство *с книжн.* кундзеҳнӣ

филлоксе́ра *ж зоол.* ширинча

филогене́з *м биол.* филогенез *(равиши инкишофи олами органикӣ ё гуруҳҳои алоҳидаи он)*; ~ **расте́ний** филогенези наботот

фило́лог *м* филолог, мутахассиси филология

филологи́ческ||ий, -ая, -ое ...и филология, филологӣ; ~**ие иссле́дования** тадқиқоти филологӣ

филоло́гия *ж* филология; **таджи́кская** ~ филологияи тоҷик

фило́нить *несов. прост.* муғамбирӣ кардан, файсал додан

фило́соф *м* 1. файласуф, мутахассиси фалсафа 2. *перен. разг.* оқил, доно

филосо́фи||я *ж* 1. фалсафа; **материалисти́ческая** ~**я** фалсафаи материалистӣ; **идеалисти́ческая** ~**я** фалсафаи идеалистӣ; ~**я исто́рии** фалсафаи таърих; **парти́йность** ~**и** партиявияти фалсафа 2. ақида, дид, назар 3. *разг. ирон.* фалсафафурӯшӣ

филосо́фски *нареч.* оромона, оқилона; ~ **относи́ться к неприя́тностям** ба ногувориҳо оромона муносибат кардан

филосо́фск||ий, -ая, -ое 1. фалсафӣ; ~**ая систе́ма** системаи фалсафӣ; ~**ие иссле́дования** тадқиқотҳои фалсафӣ 2. *перен. разг.* файласуфона, мутафаккирона; **смотре́ть с** ~**им ви́дом** файласуфона нигоҳ кардан 3. *перен.* оромона, оқилона; ~**ое отноше́ние к чему́-л.** муносибати оромона ба чизе ◇ ~**ий ка́мень** иксир

филосо́фствование *с* 1. *(по знач. гл.* **филосо́фствовать**) фалсафасозӣ 2. *разг.* фалсафафурӯшӣ

филосо́фствовать *несов.* 1. фалсафасозӣ кардан 2. *перен. разг.* фалсафафурӯшӣ кардан

фи́лькин, -а, -о: ~**а гра́мота** *ирон.* ҳуҷҷати беэътибор, ҳуҷҷати бесаводона

фильм *м* фильм; **худо́жественный** ~ фильми бадеӣ; **документа́льный** ~ фильми ҳуҷҷатӣ; **мультипликацио́нный** ~ фильми мультипликационӣ; **нау́чно-популя́рный** ~ фильми илмии оммавӣ; **звуково́й** ~ фильми овоздор; **немо́й** ~ фильми беовоз

фильмоте́ка *ж* фильмотека *(архив барои муддати дароз нигоҳ доштан ва омӯхтани кинофильмҳо)*

фильтр *м* 1. обполо; газполо 2. нурполо; **рентге́новский** ~ нурполои рентгенӣ

фильтра́т *м* полуда

фильтра́ция *ж* 1. *(по знач. гл.* **фильтрова́ть**) полоиш 2. таровиш, заҳидан(и)

фильтрова́льн||ый, -ая, -ое ...и полоиш; ~**ая бума́га** коғази полоиш

фильтрова́ние *с см.* **фильтра́ция** 1

фильтрова́ть *несов. что* 1. полоидан 2. *перен.* ҷудо карда гирифтан

фильтру́ющийся, -аяся, -ееся: ~ **ви́рус** *биол.* вируси тарованда

фимиа́м *м* бухур *(моддаи хушбӯе, ки дар вақти ибодат сӯзанд)* ◇ **кури́ть (жечь)** ~ *кому-л. книжн.* мадҳу сано хондан, чоплусона таъриф кардан

фин- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «молия»:* **финотде́л** шуъбаи молия; **фининспе́ктор** инспектори молия

фина́л *м* 1. хотима, анҷом, оқибат, охир; **печа́льный** ~ оқибати ғамангез; **неожи́данный** ~ оқибати ногаҳонӣ 2. *муз., театр.* хотима 3. *спорт.* финал; **вы́йти в** ~ ба финал баромадан

фина́льн||ый, -ая, -ое 1. охирин, хотимавӣ; ~**ые результа́ты смо́тра** натиҷаи охирини азназаргузаронӣ 2. *муз., театр.* хотимавӣ; ~**ая мело́дия о́перы** оҳанги хотимавии опера 3. *спорт.* финалӣ; ~**ый матч на ку́бок СССР по футбо́лу** мусобиқаи финалии футбол барои гирифтани Кубоки СССР

финанси́рование *с (по знач. гл.* **финанси́ровать**) маблағдиҳӣ

финанси́ровать *сов., несов. кого-что* маблағ додан; ~ **предприя́тие** ба корхона маблағ додан

финанси́роваться *несов. страд.* маблағ дода шудан

финанси́ст *м* 1. мутахассиси корҳои молия, мутахассиси масъалаҳои оид ба пул 2. капиталист, сармоядор

фина́нсово-промы́шленный, -ая, -ое молиявию саноатӣ

фина́нсов||ый, -ая, -ое ...и молия, молиявӣ, пулӣ; ~**ая поли́тика** сиёсати молия; ~**ый вопро́с** масъалаи молиявӣ; ~**ый капита́л** *эк.* капитали молиявӣ; ~**ая олига́рхия** олигархияи молиявӣ

фина́нс||ы *тк. мн. эк.* молия, маблағ; **госуда́рственные** ~**ы** молияи давлатӣ; **министе́рство** ~**ов** вазорати молия

фи́ник *м* хурмо

фи́ников||ый, -ая, -ое ... и хурмо, хурмоӣ; ~**ая ко́сточка** донаки хурмо; ~**ая ро́ща** хурмозор; ~**ая па́льма** нахли хурмо

фининспе́ктор *м* (финансовый инспектор) инспектори молия, инспектори шӯъбаи молия

финифтевый, -ая, -ое *уст.* ...и мино, ...и сир

финифть *ж уст.* *(эмаль)* мино, сир

финиш *м спорт.* 1. расидан ба марра 2. марра, марраи пойга; **прийти первым к** ~у ба марраи пойга аз ҳама пеш расидан

финиширова||ть *сов.*, *несов.* *спорт.* ба марра расидан, ба марра наздик шудан; **он** ~**л вторым** вай ба марра дуюм шуда расид; **энергично** ~**ть** бо суръати тамом ба марра расидан

финишный, -ая, -ое *спорт.* ...и марра

финка I *ж* финзан, финдухтар, зани (духтари) фин

финка II *ж разг.* 1. *см.* **финский (финский нож)**; 2. *(род шапки)* финка *(як навъ телпак)*

финн *м* фин(н)

финна *ж зоол.* финна *(зочаи кирми тасмашакл, ки одатан дар мушаки ҳайвонот зиндагӣ мекунад)*

финноз *м мед.* финноз *(касалии ҳайвонот ва одам, ки дар давраи зочагии кирми тасмашакл сар мешавад)*

финно-угорск||ий, -ая, -ое финӣ-угорӣ; ~**ие языки** забонҳои финӣ-угорӣ

финны *мн.* финҳо

финотдел *м* (финансовый отдел) шуъбаи финансхо, шуъбаи молия

финплан *м* (финансовый план) плани молиявӣ, плани финансӣ

финский, -ая, -ое ...и финҳо, финӣ; ~ **язык** забони финӣ ◇ ~ **нож** корди дудама

финт *м* 1. *прост.* ҳила, найранг 2. *спорт.* ҳаракати фиреб

финтить *несов. разг.* 1. ҳилаву найранг кардан 2. тамаллук (хушомад) кардан 3. *прост.* айшу ишрат кардан

финтифлюшка *ж* 1. *чаще мн. разг.* майда-чуйда барои зинат ва ороиш 2. *прост. пренебр.* духтари (зани) бодӣ

фиолетов||ый, -ая, -ое бунафшранг, бунафш, нофармон; ~**ые чернила** сиёҳии ранги бунафш; ~**ая лента** тасмаи бунафш

фиорд *м геогр.* фиорд *(халичи печ дар печи танг, ки соҳилҳои харсангии баланди рост дорад)*

фирм||а *ж* ширкат; **торговая** ~**а** ширкати тичоратӣ (савдо) ◇ **под** ~**ой чего-л.** бо баҳонаи чизе

фирман *м* ярлиғ, фармон

фирменн||ый, -ая, -ое ...и фирма; ~**ая марка** маркаи фирма; ~**ый заказ** супориши фирма; ~**ый бланк** бланки фирма

фирн *м геол.* барфхона

фирновый, -ая, -ое ...и барфхона

фисгармония *ж муз.* фисгармония

фиск *м ист.* хазинаи давлатӣ

фискал *м* 1. *разг.* *(доносчик)* хабаркаш, суханчин, чуғул 2. *ист.* хуфия *(дар давраи Петри I)*

фискалить *несов. разг.* *(доносить, шпионить)* хабар кашидан, сухан чидан, чуғулӣ кардан

фискальн||ый, -ая, -ое *ист.* ...и хазинаи давлатӣ; ~**ые доходы** даромадҳои хазинаи давлат

фискальство *с* 1. *разг.* хабаркашӣ, суханчинӣ 2. *ист.* хуфия

фисташка *ж бот.* дарахти писта; *(плод)* писта

фисташков||ый, -ая, -ое 1. ...и писта, пистагӣ; ~**ая роща** пистазор 2. *(о цвете)* пистокӣ; ~**ый цвет** ранги пистокӣ

фистула *ж мед.* носур

фитиль *м* 1. пилта, фатила; **ламповый** ~ пилтаи чароғ; **привернуть** ~ пилтаро паст кардан 2. *воен.* пилтаи таркониш

фито: *қисми якуми калимаҳои мураккаб ба маънои «набот»:* **фитопатология** фитопатология, илми касалиҳои наботот

фитонциды *мн.* (*ед.* **фитонцид** *м*) фитонцидҳо *(моддаҳои бухоршавандаи растаниҳо, ки микроорганизмҳоро маҳв мекунанд)*

фитопатология *ж* фитопатология, илми касалиҳои наботот

фитопланктон *м* обсабзи бахр

фитотерапия *ж* фитотерапия, муоличa бо растаниҳои давой

фитотрон *м* фитотрон *(иншооте, ки дар он тамоми намудҳои иқлимро ба амал овардан мумкин аст)*

фитофтора *ж* фитофтора (1. *як навъи занбуруғҳои касалиовари растаниҳо* 2. *касалие, ки аз ин занбуруғ ба амал меояд)*

фитюлька *ж разг.* 1. китекак 2. *перен. пренебр.* пакана, қокина

фифа *ж прост. пренебр.* духтари (зани) бодӣ, духтари (зани) олуфта

фишка *ж* мӯҳрача

флаг *м* байрақ; **Государственный** ~ **СССР** Байраки Давлатии СССР; **поднять** ~ байрак афроштан; **спустить** ~ байрак фуровардан; ~**и расцвечивания** *мор.* байрақҳои идонаи киштиҳо ◇ **под** ~**ом каким (чего)** 1) аз паи максади чизе 2) дар зери номи касе; **остаться за** ~**ом** аз дигарон мондан, ба максад нарасидан

флагман *м мор.*, *ав.* 1. флагман *(фармондеҳи соединенияҳои киштӣ, самолётҳо)* 2. киштии фармондеҳ

флагманский, -ая, -ое *мор.*, *ав.* ...и флагман; ~ **корабль** *см.* **флагман** 2

флагшток *м* чуби байракбардорӣ

флажок *м уменьш. к* **флаг**; **сигнальный** ~ байракчаи ишорат

флажолет *м муз.* флажолет (1. *асбоби қадимии мусиқӣ, ки ба най монанд аст* 2. *овози ҳуштакмонанди асбобҳои мусиқии тордор)*

флакон *м* шиша; ~ **для духов** шишаи атр; ~ **одеколона** шишаи одеколон

фламандец *м* фламандӣ

фламандка *ж* фламандизан, фламандидухтар

фламандский, -ая, -ое ...и фламанд, фламандӣ; ~ **язык** забони фламандӣ

фламандцы *мн.* фламандиҳо *(халқе, ки дар Франция, Бельгия ва Нидерланд зиндагӣ мекунад)*

фламинго *м нескл. зоол.* бутимор

фланг *м* майсара; маймана, чанох; **правый** ~ маймана; **левый** ~ майсара; **ударить во** ~ аз чанох зарба задан; **обойти с** ~**а** аз чанох гузаштан; **угрожать с** ~**а** аз чанох таҳдид кардан ◇ **королевский** ~ *шахм.* чаноҳи шоҳ

фланговый, -ая, -ое ...и чанох, чаноҳӣ; ~ **огонь** оташи (тирпаронии) чанох; ~ **удар** зарба аз чанох

фланелевый, -ая, -ое ...и бумазӣ; ~ **халат** чомаи бумазӣ

фланель *ж текст.* бумазӣ

фланёр *м пренебр.* бекорагард, бекорхӯча, оворагард

фланец *м тех.* халкапайванд

фланировать *несов. пренебр.* бекора гаштан, сар-сарӣ гаштан, овора шуда гаштан

фланк *м воен.* истеҳкоми чаноҳӣ

фланкирование *с воен.* тирборони чанох

фланкировать *сов.*, *несов.* *кого-что и без доп. воен.* 1) душманро аз чанох тирборон кардан 2) аз чанох мудофиа кардан

флебит *м мед.* илтиҳоби варид

флегма *ж* 1. хунсардӣ, бепарвоӣ, карахтӣ, вазнинӣ 2. *перен. разг.* одами хунсард (бепарво, карахту вазнин)

флегматик *м* одами хунсард (бепарво, карахту вазнин)

флегматический, -ая, -ое *см.* **флегматичный**

флегматично *нареч.* хунсардона, бепарвоёна, бо карахтию вазнинӣ

флегматичность *ж* хунсард (бепарво, карахту вазнин) будан(и)

флегматичн||ый, -ая, -ое (флегматич|ен, -на, -но) хунсардона, бепарвоёна, карахту вазнин; ~**ый характер** хислати хунсардона; ~**ая улыбка** табассуми бепарвоёна

флегмона *ж мед.* носур

флейта *ж муз.* най

флейтист *м* найнавоз, найчӣ

флейтистка *женск. к* **флейтист**

флексия *ж лингв.* 1. флексия, тасриф 2. флексия, бандак; **внешняя** ~ бандак; **внутренняя** ~ флексияи дохилӣ

флективн||ый, -ая, -ое *лингв.* флективӣ *(ба воситаи флексияҳо калимасозанда)*; ~**ые языки** забонҳои флективӣ

флектировать *несов. лингв.* аз рӯи флексия тағьир ёфтан

флёр *м* парниён

флибустьер *м ист.* флибустьер *(роҳзани баҳрии асрҳои 16—17)*

флигель *м* иморат (бинои) фаръӣ

флигель-адъютант *м уст. воен.* флигель-адъютант *(дар Россияи подшоҳӣ унвони аҳли рикоб)*

флирт *м* ишкбозӣ, ишқварзӣ; нозу карашма

флиртовать *несов.* *с кем и без доп.* ишкбозӣ (ишқварзӣ) кардан; нозу карашма кардан

флокс *м бот.* оташгул

фломастер *м* фломастер

флора *ж* наботот, олами наботот, флора; ~ **Средней Азии** олами набототи Осиёи Миёна

флот *м* флот; **торговый** ~ флоти тиҷоратӣ; **речной** ~ флоти дарьёӣ; **морской** ~ флоти баҳрӣ; **военный** ~ флоти ҳарбӣ; **подводный** ~ флоти зериобӣ; **Каспийский** ~ флоти баҳри Каспий; **служить во** ~**е (на** ~**е)** дар флот хизмат кардан ◇ **воздушный** ~ флоти ҳавоӣ

флотационный, -ая, -ое *горн.* ...и тасфия

флотацин *ж горн.* тасфия (*усули тоза кардани маъдан, ки зарраҳои он ба руи моеъ мебароянд*)

флотилия *ж* 1. флотиля (*маҷмӯи киштиҳои ҳарбии ягон дарьё, кул ва соҳилҳои баҳр*) 2. дастаи киштиҳо; **рыбачья** ~ дастаи киштиҳои моҳигирӣ

флотоводец *м высок.* амирулбахр

флотский, -ая, -ое 1. ...и флот, флотӣ 2. *в знач. сущ.* **флотский** *м разг.* матрос

флюгер *м* 1. боднамо 2. *воен.* байракчаи нӯги найза 3. *перен. разг.* одами ҳардамхаёл

флюоресценция *ж физ.* флюоресценция (*навъи тобиши кутоҳмуддат*)

флюоресцировать *несов. физ.* флюоресценция намудан

флюорография *ж* флюорография

флюс I *м* (*мн.* **флюсы**) *мед.* варами вораи дандон, пилла

флюс II *м* (*мн.* **флюсы**) *тех.* гудозвар, танакор, флюс

флютбет *м гидротех.* обрахаи дарғот

фляга *ж* 1. обдон, митҳара, қумқума; **походная** ~ обдони сафарӣ 2. фляга

фляжка *ж уменьш. к* **фляга** I

фобия *ж мед.* воҳима

фойе *с нескл.* фойе (*ҷои гардиш ва дамгирӣ дар театр, кино*)

фокстерьер *м зоол.* фокстерьер (*саги шикорӣ*)

фокстрот *м* фокстрот (*рақс ва мусиқии он*)

фокус I *м* 1. *физ.* фокус (*нуқтаи ҳамдигарро бурида гузаштани шуоъҳо*); 2. *фото* фокус (*нуқтае, ки предмети сураташ гирифта мешудагӣ дар вақти суратгирӣ хеле равшан намоён мешавад*); 3. *мед.* манбаи варам; ~ **в лёгком** манбаи варами шуш 4. *перен.* марказ; **быть в** ~**е событий** дар маркази воқеа будан

фокус II *м* 1. найрангбозӣ, шӯъбадабозӣ, ҳуққабозӣ; **карточный** ~ найрангбозӣ бо қарта; **показывать** ~**ы** найрангбозӣ кардан 2. *перен. разг.* ҳилаву найранг, шуъбада; **выкинуть** ~ найранге кардан 3. *чаще мн.* **фокусы** *перен.* инҷиқӣ, қилиқ ◇ **в том-то и** ~ ҳила дар ҳамин аст; гап дар ҳамин аст

фокусник *м* найрангбоз, шӯъбадабоз, ҳуққабоз

фокусница *женск. к* **фокусник**

фокусничанье *с разг.* (*по знач. гл.* **фокусничать**) инҷиқӣ кардан(и)

фокусничать *несов.* 1. *уст.* найрангбозӣ (шуъбадабозӣ) кардан 2. *разг.* инҷиқӣ кардан

фолиант *м уст.* китоби калони ғафс

фольга *ж* 1. варақа; **алюминиевая** ~ варақаи алюминӣ 2. *полигр.* зарҳал

фольклор *м* фольклор

фольклорист *м* фольклоршинос, мутахассиси фольклор

фольклористика *ж* фольклоршиносӣ, илми фольклоршиносӣ

фольклористка *женск. к* **фольклорист**

фон *м* 1. замин, тағ, зер 2. манзар, замина; **дом на** ~**е леса** биное дар манзари беша 3. таг; **васильки на белом** ~**е** чити тагаш сафеду гулаш кабуд 4. *перен.* вазъият, қиёс, шароит; **на** ~**е общей радости** дар қиёси хурсандии умум

фонарик *м уменьш. к* **фонарь**; **карманный** ~ фонусчаи кисагӣ

фонарн||ый, -ая, -ое ...и фонус, фонусӣ; ~**ый столб** сутуни фонусовезӣ; ~**ое стекло** оинаи фонус

фонарь *м* 1. фонус; **ручной** ~ фонуси дастӣ; **уличный** ~ фонуси кучагӣ; **зажечь** ~ фонус гирондан 2. *архит.* равзан 3. *архит.* ғурфа (*қафасаи оинагӣ*) 4. *прост. шутл.* доғи кабуд, доғи нофармон (*аз зарби лат*); ~ **на лбу** доғи нофармони пешона ◇ **волшебный** ~ *уст.* чароғи сеҳрнок; **проекционный** ~ фонуси проекционӣ

фонд *м* 1. (*денежные средства*) фонд; ~ **зарплаты** фонди музди меҳнат; ~ **общественного потребления** фонди истеъмоли ҷамъиятӣ; **обменный** ~ фонди муовиза; **премиальный** ~ фонди мукофот; **неделимый** ~ **колхоза** фонди тақсимнашавандаи колхоз 2. (*ресурсы, запасы*) фонд, захира; **жилой** ~ фонди манзилгоҳ; **земельный** ~ фонди замин; **книжный** ~ фонди китобхо; **неприкосновенный** ~ фонди дахлнопазир; **семенной** ~ захираи тухмӣ 3. *мн.* **фонды** *эк.* (*накопления, отчисления*) фондҳо; **государственные и общественные** ~**ы** фондҳои давлатию ҷамъиятӣ ◇ **золотой** ~ 1) (*денежные запасы в золоте*) захираи тилло; 2) (*лучшая часть чего-л.*) дурри якто, ганҷина; гавҳари ноёб; **войти в золотой** ~ **чего-л.** ба ганҷинаи чизе дохил шудан

фондовый, -ая, -ое ...и фонд, фондӣ

фонема *ж лингв.* фонема

фонендоскоп *м мед.* фонендоскоп (*асбоб барои гуш кардани садои кори органҳои дохилӣ*)

фонетика *ж лингв.* фонетика, савтиёт

фонетист *м* мутахассиси фонетика

фонетическ||ий, -ая, -ое фонетикӣ, ...и фонетика; ~**ий строй языка** сохти фонетикии забон; ~**ая транскрипция** транскрипцияи фонетикӣ

фонограмма *ж* фонограмма (*ба навор навишта гирифтани овоз*)

фонограф *м* фонограф (*асбоб барои навишта гирифтани овоз*)

фонон *м физ.* фонон (*кванти ларзиши ҷисм*)

фонотека *ж* фонотека (*маҷмӯи навор ё қартаи сабти овоз ва бинои он*)

фонтан *м* 1. фаввора; **нефтяной** ~ фавворан нафт; **бить** ~**ом** фаворра задан 2. *перен. разг. неодобр.* ҷушу хуруш; ~ **красноречия** суханпардозии бисьёр; ~ **слёз** ашки шашқатор ◇ **не** ~! *прост.* нашуд!

фонтанир||овать *несов. тех.* фаввора задан; **нефть** ~**ует** нафт фаввора мезанад

фонтанный, -ая, -ое ...и фонтан, ...и фаворра

фор||а *ж*: **дать** ~**у** пешакӣ имтиёз (сабукӣ) додан (*аз тарафи бозигари зур ба ҳарифи суст*)

форвард *м спорт.* форвард, ҳуҷумкунанда; ~ **команды** ҳуҷумкунандаи команда

фордевинд *м мор.* боди мурод

фордыбачить *несов. прост.* дағалӣ (гарданшахӣ) кардан

фордыбачиться *несов. прост. см.* **фордыбачить**

форейтор *м уст.* ҷилавдор

форелев||ый, -ая, -ое ...и гулмоҳӣ; ~**ое хозяйство** парваришгоҳи гулмоҳӣ

форель *ж* гулмоҳӣ

форельный, -ая, -ое ...и гулмоҳӣ

форзац *м полигр.* форзац (*ду варақ когази сахт, ки муқоваро бо дастаи саҳифаҳои китоб мечаспонад*)

форинт *м* форинт (*воҳиди пулии Республикаи Халқии Венгрия*)

форм||а *ж* 1. шакл; **изогнутой** ~**ы** каҷ, хам; **иметь** ~**у куба** дар шакли мукааб будан; **придать какую-л.** ~**у** ба шакле даровардан 2. тартиб, сохт, шакл, услуб, усул, тарз; ~**а и содержание** шакл ва мазмун; ~**а правления** шакли идоракунӣ; ~**а организации труда** тартиби ташкили меҳнат; ~**а социалистической собственности** шакли моликияти социалистӣ; **сказать в резкой** ~**е** дағал гуфтан 3. либоси расмӣ, форма (*барои талабагон, хизматчиёни ҳарбӣ ва ғ.*); **парадная** ~**а** либоси расмии идпушак; **военная** ~**а** либоси расмии ҳарбӣ 4. *тех.* қолиб, андоза; ~**а для литья** қолиби рехтагарӣ 5. форма, намуна; **представить сведения по** ~**е №...** маълумот мувофиқи формаи №... пешниҳод карда шавад 6. *перен.* намуд, намоиш, зоҳир; **делать что-либо только ради** ~**ы** кореро фақат барои намуд кардан 7. *мн.* **формы** андом, қадду қомат, сурат; **изящные** ~**ы** андоми зебо 8. *лингв.* шакл, усул, тарз (*тарзи ифодаи зоҳирии категорияҳои грамматикӣ*); ~**ы словоизменения** шаклҳои тағьир ёфтани калимаҳо; ~**ы словообразования** шаклҳои калимасозӣ ◇ **быть в** ~**е** омода будан

формализм *м* 1. зоҳирпарастӣ, расмиятпарастӣ; ~ **в работе** расмиятпарастӣ дар кор 2. *иск.* шаклпарастӣ

формалист *м* 1. расмиятчӣ, зоҳирпараст 2. *иск.* шаклпараст

формалистика *ж* расмиятпарастии хушку холӣ, муносибати расмӣ ба кор

формалистическ||ий, -ая, -ое 1. ...и расмӣ; ~**ое отношение к делу** муносибати расмӣ ба кор 2. ...и шаклпараст

формалистичный, -ая, -ое *см.* **формалистический** 2

формалистский, -ая, -ое *см.* **формалистический**

формальност||ь *ж* 1. расмиятпарастӣ 2. расмият, қоидаи расмӣ; **лишняя** ~**ь** расмияти зиёдатӣ; **пограничные** ~**и** расмиятҳои сарҳадд; **соблюдать** ~**и** ба расмият риоя кардан

формальн||ый, -ая, -ое (форма|лен, -льна, -льно) 1. расмӣ; ~**ый подход к делу** муносибати расмӣ ба кор, расмиятпарастӣ; ~**ое отношение** муносибати расмӣ 2. расмӣ, қонунӣ; ~**ый развод** талоқи расмӣ 3. шаклӣ; ~**ый метод** услуби шаклӣ 4. зоҳирӣ, руякӣ ◇ ~**ая логика** мантиқи зоҳирӣ

формат *м полигр.* андоза

форматн||ый, -ая, -ое ...и андоза; ~**ая правка** ислоҳи андоза

формаци||я *ж* 1. формация; **общественно-экономическая** ~**я** формацияи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ; **социалистическая** ~**я** формацияи социалистӣ 2. ақида, нуқтаи назар; **люди новой** ~**и** одамони ақидаашон нав

форменн||ый, -ая, -ое 1. расмӣ; ~**ая одежда** либоси расмӣ 2. *разг.* ҳақиқӣ, гузаро, таппа-тайёр; ~**ый мошенник** қаллоби гузаро

формировани||е *с* 1. (*по знач. гл.* **формировать**) ба шакли муайян даровардан(и); ташкил кардан(и), ташаккул; (*по знач. гл.* **формироваться**) ба шакли муайян даромадан(и); ташкил ёфтан(и); ~**е команды** ташкил кардани команда; ~**е мировоззрения** ташаккули ҷаҳонбинӣ 2. *воен.* қисм; **новые** ~**я** қисмҳои нав

формировать *несов.* 1. *что* ба шакли муайян даровардан, ташкил кардан 2. *кого-что перен.* тарбия кардан; ~ **нового человека** одами навро тарбия кардан 3. *что* ташкил кардан, тартиб додан; ~ **правительство** ҳайати ҳукуматро ташкил кардан

формироваться *несов.* 1. ба шакли муайян даромадан, ташкил ёфтан; **его характер ещё формируется** хислати у дар айни шаклгирӣ аст 2. ба камол (ба воя) расидан 3. *страд.* ба шакли муайян дароварда шудан; ташкил карда шудан, тартиб дода шудан

формование *с* (*по знач. гл.* **формовать**) шакл додан(и), ба қолиб андохтан(и)

формовать *несов. что тех.* шакл додан, ба қолиб андохтан; ~ **глину** хишт рехтан

формоваться *несов.* 1. *тех.* ба шакли муайян даромадан 2. *страд.* ба қолиб андохта шудан

формовка *ж* 1. *см.* **формование**; 2. қолиб (*дар рехтагарӣ*)

формовой, -ая, -ое қолибӣ; ~ **хлеб** нони қолибӣ

формовочн||ый, -ая, -ое *тех.* 1. *см.* **формовой**; 2. ...и қолибгарӣ; ~**ая машина** мошини қолибгарӣ

формовщик *м тех.* қолибгар

формовщица *женск. к* **формовщик**

формообразование *с биол.* шаклсозӣ, шаклгирӣ

формоустойчив||ый, -ая, -ое ...и бадошт; ~**ые ткани** матои бадошт

формул||а *ж в разн. знач.* формула; **алгебраические** ~**ы** *мат.* формулаҳои алгебра; ~**а серной кислоты** *хим.* формулаи кислотаи сулфат

формулирование *с* (*по знач. гл.* **формулировать**) тасвият; ~ **основных положений новой теории** тасвияти қоидаҳои асосии назарияи нав

формулировать *сов., несов. что* ба тасвият кардан; ~ **свою мысль** фикри худро тасвият кардан

формулироваться *страд.* тасвият карда шудан

формулировка *ж* 1. *см.* **формулирование**; 2. тасвия; **неточная** ~ тасвияи носаҳеҳ

формуляр *м* 1. *уст.* (*послужной список*) варақаи хизмат 2. (*книжный*) карточкаи китоб

формулярный, -ая, -ое 1. *уст.* ...и варақаи хизмат 2. ...и карточкаи китоб

форпост *м* 1. *воен.* талоя 2. *перен.* пешоҳанг, пешсаф

форс *м прост.* 1. (*шик*) карруфар, дабдаба, олуфтагӣ 2. (*чванство, спесь*) ғурур, худписандӣ, ҳавобаландӣ

форсирование *с* 1. (*по знач. гл.* **форсировать**) тезонидан(и); фатҳ; баланд кардан(и); ~ **уборки хлопка** тезонидани ҷамъоварии пахта; ~ **строительства** тезонидани сохтмон; ~ **реки** фатҳи дарьё

форсированн||ый, -ая, -ое босуръат, тез; ~**ое строительство** сохтмони босуръат

форсировать *сов., несов. что* 1. тезонидан 2. *воен.* фатҳ кардан 3. *муз.* баланд кардан; ~ **голос** овозро баланд кардан, овозро сар додан

форсить *несов. разг.* 1. олуфтагӣ кардан 2. ҳавобаландӣ кардан

форсунка *ж тех.* форсунка (*олатест барои чошидани сузишвории моеъ ба алавхонаи чизе, мас. паровоз*)

форт *м воен.* ҳисор, қалъача

форте *нареч. муз.* хеле баланд

фортель *м разг.* шухӣ, найранг, ҳила; **выкинуть** ~ найранг кардан

фортепьянный, -ая, -ое ...и фортепьяно; ~ **концерт** концерти фортепьяно

фортепьяно *с муз.* фортепьяно; **играть на** ~ фортепьяно навохтан

фортиссимо *нареч. муз.* аз ҳад баланд

фортификационный, -ая, -ое *воен.* ...и истеҳком, таҳкимотӣ

фортификация *ж воен.* 1. (*наука*) илми таҳкимот 2. истеҳкомот

фортка *ж разг. см.* **форточка**

форточк||а *ж* бодхан, бодхон; **открыть** ~**у** бодхонро боз кардан; **закройте** ~**у!** бодхонро пӯшед!

фортуна *ж уст. книжн.* иқбол, бахт, толеъ, тасодуф; ~ **ему изменила** толеаш натофт

форум *м* 1. *ист.* форум (*дар Рими Қадим майдоне, ки дар он маҷлисҳои халқӣ мегузаштанд*) 2. *перен.* (*место*) маҷлисгоҳ 3. *перен.* (*собрание*) маҷлис

форшлаг *м муз.* сари наво, сароханг

форштевень *м мор.* форштевень (*нӯги пеши киштӣ*)

фосген *м хим.* фосген (*гази беранги заҳрнок*)

фосгенный, -ая, -ое *хим.* ...и фосген, фосгенӣ

фосфат *м хим., мин.* фосфат

фосфатн||ый, -ая, -ое *хим. с.-х.* ...и фосфат, фосфатӣ; ~**ые удобрения** нурии фосфатӣ

фосфор *м хим.* фосфор

фосфоресценция *ж физ.* фосфоресценция (*хусусияти баъзе ҷисмҳое, ки аввал бо таъсири рушноӣ дурахшида, баъд дар торикӣ муддати зиёд рӯшноӣ медиҳад*)

фосфоресцировать *несов. физ.* дар торикӣ рӯшноӣ додан, дурахшидан

фосфорист||ый, -ая, -ое *хим.* фосфордор, фосфорнок; ~**ая кислота** кислотаи фосфордор

фосфоритн||ый, -ая, -ое ...и фосфорит, фосфорӣ; ~**ая мука** хокаи фосфорит (*як навъи нурӣ*)

фосфориты *мн.* (*ед.* **фосфорит** *м*) фосфоритҳо

фосфорический, -ая, -ое фосфорӣ, фосфортоб, тобишн фосфорит

фосфорн||ый, -ая, -ое ...и фосфор, фосфорӣ; ~**ая кислота** кислотаи фосфор; ~**ые удобрения** нурии фосфор

фото *с нескл. разг.* сурати фотографӣ, акс

фото: 1. *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «фотографӣ»:* **фотоаппарат** фотоаппарат, аппарати фотографӣ; **фотоплёнка** фотонавор, навори фотографӣ 2. *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «бо нур алоқадор»:* **фотохимия** фотохимия

фотоальбом *м* альбоми сурат

фотоаппарат *м* фотоаппарат, аппарати фотографӣ

фотоателье *с нескл.* фотоателье

фотобумага *ж* коғази фото

фотовитрина *ж* фотовитрина

фотовыставка *ж* намоиши суратҳои фото

фотогазета *ж* фотогазета

фотогеничность *ж* суратзебӣ

фотогеничн||ый, -ая, -ое (фотогенич|ен, -на, -но) суратзеб; ~**ое лицо** чеҳраи суратзеб

фотограф *м* фотограф, суратгир

фотографирование *с* суратгирӣ, аксгирӣ, аккосӣ

фотографировать *несов. кого-что* сурат гирифтан

фотографироваться *несов.* 1. сурати худро гирондан; ~ **для паспорта** сурати худро барои паспорт гирондан 2. *страд.* гирифта (гиронда) шудан

фотографи́ческий, -ая, -ое 1. ...и фотография, фотографӣ; ~ **аппара́т** аппарати фотографӣ; ~ **снимок** сурати фотографӣ 2. айнан тасвир шуда

фотогра́фи||я *ж* 1. фотография, суратгирӣ, аккосӣ; **цветная** ~**я** сурати рангаи фотографӣ; **занима́ться** ~**ей** суратгирӣ кардан 2. акс, сурати фотографӣ; **уда́чная** ~**я** сурати нағз 3. фотография, корхонаи суратгирӣ, дукони аккосӣ

фотока́мера *ж* камераи суратгирӣ (аксбардорӣ)

фотокарточка *ж* сурати фотографӣ, акс

фотоко́пия *ж* фотонусха, нусхаи фото

фотокорреспонде́нт *м* фотомухбир

фотокорреспонде́нция *ж* хабари фотографӣ

фотолаборато́рия *ж* лабораторияи фото

фотолитогра́фия *ж полигр.* фотолитография, литография бо усули фото

фотолюби́тель *м* ҳаваскори фотография

фото́метр *м опт.* фотометр

фотомонтаж *м* фотомонтаж

фото́н *м физ.* фотон (*кванти рушноӣ*)

фотонабор *м* чопи фото; фототабъ; **ме́тодом** ~**а** бо усули чопи фото

фотоплёнка *ж* фотонавор, наворн фотографӣ

фоторепортаж *м* фоторепортаж

фоторепортёр *м* фоторепортёр

фотосинтез *м биол.* фотосинтез

фотоснимок *м* сурати фотографӣ

фотосфе́ра *ж физ., астр.* фотосфера (*табақаи болоии дурахшони Офтоб*)

фототелегра́ф *ж* фототелеграф

фотофо́бия *ж мед. см.* **светобоя́знь**

фотохими́ческ||ий, -ая, -ое фотохимикӣ; ~**ие проце́ссы** процессҳои фотохимикӣ

фотохи́мия *ж* фотохимия (*як соҳаи илми химия, ки таъсири химиявии шуоъҳои равшаниро меомӯзад*)

фотохро́ника *ж* фотохроника; ~ **ТАСС** фотохроникаи ТАСС

фотоэлеме́нт *м тех.* фотоэлемент

фрагме́нт *м* 1. порча, фиқра; ~**ы из «Войны и ми́ра»** фиқраҳо аз «Ҷанг ва сулҳ» 2. порча, парда; ~ **бале́та** пардаи балет

фрагмента́рность *ж* порча-порча будан(и), бесилсила будан(и), фиқравият; ~ **о́черка** порча-порча будани очерк

фрагментарн||ый, -ая, -ое (фрагментар|ен, -на, -но) 1. порча-порча, бесилсила, фиқравӣ 2. *перен.* нопурра; ~**ое изложе́ние** баёноти нопурра

фра́з||а *ж* 1. ҷумла, ибора; **длинная** ~**а** ҷумлаи дароз; **говори́ть коро́ткими** ~**ами** бо иборахои кутоҳ гап задан; **избитая** ~**а** ибораи забонзад 2. *перен.* суханҳои пуч, гапи хушкухолӣ; **э́то то́лько** ~**ы** ин фақат гапи хушкухолӣ 3. *муз.* оханг

фразеологи́ческ||ий, -ая, -ое *лингв.* фразеологӣ, ...и фразеология; ~**ий оборо́т** ибораи фразеологӣ; ~**ое сочета́ние** таркиби фразеологӣ; ~**ое сраще́ние** ибораи рехта

фразеоло́гия *ж* 1. *лингв.* фразеология 2. *уст.* суханҳои тумтароқи бардуруғ

фразёр *м* лофзан

фразёрка *женск. к* **фразёр**

фразёрство *с* лофзанӣ, суханпардозии хушкухолӣ, гапфурӯшӣ

фразёрствовать *несов.* лоф задан, суханпардозӣ кардан

фрак *м* фрак (*навъи либоси мардона, ки пеши доманаш кӯтоҳу ақиби доманаш дарозу миёнчок аст*)

фракционе́р *м полит.* фракционер, аъзои фракция

фракцио́нность *ж полит.* фракционӣ будан

фракцио́нн||ый I, -ая, -ое *полит.* ...и фракция, фракционӣ; ~**ая борьба́** мубориза фракционӣ

фракцио́нный II, -ая, -ое *хим.* ...и фракция, фракционӣ

фра́кция I *ж* 1. *уст.* тоифа, ҷамоат, гурӯҳ 2. фракция (*гурӯҳи аъзоёни партия, ки ба роҳи умумии партия зид мебошанд*); **парла́ментская** ~ фракцияи парламенти

фра́кция II *ж хим.* ҷузъ, барх

фраму́га *ж* болодарӣ

франк *м* (*монета*) франк (воҳиди пулии як чанд давлатҳои хориҷа

франки́ровать *сов., несов. что* пешакӣ пардохтан (*пешакӣ пардохтани пули хизмати почта*)

франт *м* олуфта, худоро

франти́ть *несов. разг.* худорой кардан, олуфтагӣ карда гаштан

франти́ха *женск. к* **франт**

франтоватый, -ая, -ое олуфтанамо

франтовско́й, -ая, -ое бокарруфар; ~ **костюм** костюми бокарруфар

франтовство́ *с* худорой, олуфтагӣ

францу́женка *ж* француззан, франциуздухтар, зани (духтари) французӣ

францу́з *м* француз

францу́зский, -ая, -ое 1. французӣ, ...и Франция; ~ **флаг** байраки Франция 2. французӣ, ...и француз; ~ **язы́к** забони французӣ

францу́зы *мн.* французҳо

фрахт *м* киропулӣ, пули киро

фрахтовать *несов. что* киро кардан; ~ **су́дно** киштии боркаш киро кардан

фрачн||ый, -ая, -ое ...и фрак, фракӣ; ~**ая па́ра** фрак ва шолвори он

фрега́т *м* фрегат (1. *киштии бодбонии ҳарбии сесутуна* 2. *киштии ҳозиразамони ҳарбӣ барои дафъи ҳамлаи завраққои зериобӣ ва самолётҳо*)

фреза́ *ж тех.* ранда; парма

фрезерный, -ая, -ое *тех.* ...и ранда, ...и рандакорӣ; ~ **стано́к** дастгоҳи рандакорӣ

фрезерова́ние *с тех.* (*по знач. гл.* **фрезеровать**) бо ранда (бо парма) кор кардан(и)

фрезерова́ть *сов., несов. что* бо ранда (бо парма) кор кардан; ~ **деталь** деталро бо парма кор кардан

фрезеро́вка *ж см.* **фрезерова́ние**

фрезеро́вщик *м* рандагар, пармагар

фрезеро́вщица *женск. к* **фрезеро́вщик**

фрейди́зм *м* фрейдизм (*таълимот дар психология, ки тамоми падидаҳои маданӣ ва иҷтимоиро танҳо зуҳуроти рағбатҳои бешуурона мешуморад*)

фре́йлина *ж* фрейлина (*унвони дарбории занону духтарон, ки муқарраби малика мебошанд*)

френоло́гия *ж* френология (*назарияи ғайриилмӣ, ки мувофиқи он аз рӯи сохти косахонаи сар савияи дониш ва феълу кирдори одамро фаҳмидан мумкин будааст*)

френч *м* нимтана

фре́ска *ж иск.* фреска, сурати руидевор

фре́сковый, -ая, -ое *иск.* ...и фреска

фриво́льность *ж* 1. беҳаёӣ, густохӣ, бешармӣ, беибоӣ; ~ **поведе́ния** рафтори каме беҳаёёна (сабук) 2. ибораи густохона

фриво́льн||ый, -ая, -ое (фриво|лен, -льна, -льно) беҳаёёна, бешармона, беибоёна, аз одоб берун; ~**ое обраще́ние** муомилаи беибоёна

фриз *м архит.* арақа

фрикаде́лька *ж кул.* ғелак (*аз гӯшти қима*)

фрикати́вный, -ая, -ое *лингв.* фрикативӣ, молишхӯрданда (*дар бораи овозҳои ҳамсадо*)

фрикцио́нный, -ая, -ое *тех.* фрикционӣ

фритре́дерство *с ист., эк.* фритредерчигӣ (*ҷараёне дар сиёсати иқтисодии буржуазияи саноатӣ, ки ба тиҷорат ва ҳаёти хоҷагӣ дахолат накардани давлатро талаб менамуд*)

фро́нда *ж* 1. *ист.* фронда (*ҳаракати иҷтимоию сиёсии зидди ҳокимияти мутлақа дар Франция дар миёнаи асри 17*) 2. *перен.* кина, ғараз

фрондёр *м* 1. *ист.* фрондёр, иштирокчии ҳаракати фронда 2. *перен. книжн.* одами кинадор

фронди́ровать *несов.* бадкинагӣ кардан, ғаразомез зид баромадан

фронт *м* 1. *воен.* сафи яккатораи аскарон; **вы́строить во** ~ саф кашидан 2. *воен.* фронт, ҷабҳа, майдони ҷанг, майдон; **наступле́ние по всему́** ~**у** ҳуҷум дар миқёси тамоми фронт 3. *воен.* фронт, қувваҳои мусаллаҳ; **южный** ~ фронти ҷанубӣ 4. *перен.* фронт, ҷабҳа (*иттиҳоди партияҳои тараққипарвари сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳо дар мубориза баҳри мақсади умумӣ*); **наро́дный** ~ фронти халқӣ; ~ **мира** ҷабҳаи сулҳ; **еди́ный** ~ фронти ягона 5. *перен.* фронт, ҷабҳа (*соҳаи калони фаъолияти давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ*); **идеологи́ческий** ~ фронти идеологӣ (мафкура); **культу́рный** ~ фронти маданият; **сельскохозя́йственный** ~ ҷабҳаи хоҷагии қишлоқ ◇ **еди́ным** ~**ом** муттафиқона; **вытянуться во** ~ дастҳоро ба паҳлу ҷафс карда рост исто-

дан; **действовать на два ~а** дар ду чабҳа амал кардан; **переменить ~** хати харакати худро (роҳу равиши худро) дигар кардан

фронта́льн||ый, -ая, -ое *воен.* рӯ ба рӯ; **~ая ата́ка** ҳуҷуми рӯ ба рӯ; **~ый ого́нь** аз рӯ ба рӯ оташ кушодан

фронти́спи́с *м полигр.* фронтиспис *(расме, ки пеш аз саҳифаи унвонии китоб ҷой дорад)*

фронти́т *м мед.* фронтит *(варами пардаи луобии ҷавфи пешона)*

фронтови́к *м* ҷанговар, иштироккунандаи ҷанг

фронтов||о́й, -а́я, -о́е *воен.* 1. *уст.* низомӣ, каторӣ, сафӣ 2. ...и фронт, фронтӣ; **~а́я полоса́** минтакаи фронт

фронто́н *м архит.* пештоқ

фрукт *м* 1. мева, бар, самар; **све́жие ~ы** меваи тар; **сухие ~ы** меваи хушк 2. *прост.* ноодам, ночинс

фрукто́вый, -ая, -ое ...и мева, мевадор, мевагин; **~ сад** боғи мевадор; **~ сок** раи (обн) мева; **~ чай** мевачой

фрукто́за *ж* фруктоза, қанди мевагӣ

фтизиатр *м* фтизиатр, мутахассиси фтизиатрия

фтизиатри́я *ж мед.* фтизиатрия *(соҳаи тиб, ки сил ва усулҳои муолиҷаи онро меомузад)*

фтор *м хим.* фтор *(элементи химиявие, ки аз газҳи беранги бӯяш тез иборат аст)*

фто́ристый, -ая, -ое *хим.* ...и фтор, фтордор

фу *межд.* 1. *при выражении досады, укоризны, отвращения* ӯх, ӯй, эх; **фу, как нехорошо́!** ӯх, чӣ тавр бад аст!; **фу, какая гадость!** уй, чӣ нафратангез аст! 2. *при выражении усталости, изнеможения ӯх, уй*; **фу, как жа́рко!** ух, чӣ қадар ҳаво гарм аст! ◇ **фу́-ты, [ну́-ты]!** ина бинед-а!

фу́га *ж муз.* фуга *(яке аз шаклҳои сурудхонии чандовоза)*

фуга́нок *м* чафсранда

фуга́с *м воен.* фугас *(миқдори бисьёри моддаи тарканда, ки дар зери замин ва ё об метарконанд)*

фуга́ска *ж воен. разг.* 1. *см.* **фуга́с**; 2. бомбаи фугас 3. гулӯлаи фугас

фуга́сный, -ая, -ое *воен.* ...и фугас, фугасӣ, тарканда; **~ снаряд** гулӯлаи фугас

фугова́ть *несов. что* 1. ранда кардан, бо чафсранда тарошидан 2. зич пайваст карда бо елим часпондан *(тахтаҳоро паҳлуи ҳам)*

фуже́р *м* қадаҳ, чом

фукси́н *м* руяноб *(ранги сурхи сунъӣ)*

фу́ксия *ж бот.* гуловез

фуля́р *м* ҳарир

фумаро́ла *ж геол.* фумарола *(ҷараёни газ, ки аз тарқишҳои қуҳҳои оташфишон мебарояд)*

фумига́ция *ж с.-х.* тамйиз

фунгици́ды *мн.* (*ед.* **фунгици́д** *м*) фунгицид *(заҳр ба муқобили касалиҳои занбуруғии растаниҳо)*

фунда́мент *м* 1. таҳкурсӣ, пойдевор; **ка́менный ~** таҳкурсии сангин; **возвести́ ~** таҳкурсӣ гузоштан 2. *перен.* асос, буньёд; **~ социалистической экономики** буньёди иқтисодиёти социалистӣ; **стоя́ть на про́чном ~е** пояи (асосн) мустаҳкам доштан

фундамента́льность *ж* 1. мустаҳкамӣ, маҳкамӣ, устуворӣ, пойдорӣ; **~ постро́йки** мустаҳкамии бино 2. *перен.* асоснокӣ, пухтагӣ; **~ подгото́вки** пухтагии тайёрӣ

фундамента́льн||ый, -ая, -ое (фундамента|лен, -льна, -льно) 1. маҳкам, мустаҳкам, устувор, пойдор; **~ое зда́ние** бинои мустаҳкам 2. *перен.* асосӣ, буньёдӣ; **~ое иссле́дование** тадқиқотҳои буньёдӣ 3. *тк. полн. ф.* асосӣ; **~ая библиоте́ка** китобхонаи асосӣ

фунду́к *м (дерево)* дарахти финдуқ; *(плод)* финдуқ

фуникулёр *м* фуникулёр *(роҳи оҳани куҳӣ, ки вагонҳояш бо таноби симин кашонда бароварда ва фуроварда мешаванд)*

функциона́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и функция, функционалӣ; **~ая зави́симость** вобастагии функционалӣ, вобастагӣ ба хусусиятҳои асосии чизе 2. функционалӣ; **~ое заболева́ние** беморӣи функционалӣ *(вайрон шудани кори ягон узви бадан)*; **~ое расстро́йство серде́чной де́ятельности** вайроншавии функционалии кори дил

функциони́рование *с* (*по знач. гл.* **функциони́ровать**) кор кардан(и)

функциони́ровать *несов.* ҳаракат кардан, кор (амал) кардан

фу́нкци||я *ж* 1. вазифа, кор, уҳдадорӣ; **это не вхо́дит в его́ ~и** ин ба катори вазифаҳои ӯ дохил намешавад 2. *мат.* функция 3. *биол., физиол.* кор; **~я по́чек** кори гурдаҳо

фунт *м уст.* кадоқ (409,5 грамм) ◇ **~ сте́рлингов** фунт стерлинг *(воҳиди асосии пул дар Англия)*; **не ~ изю́му** *в знач. сказ. прост.* ҳазл не, нони хоида (осон) не; **узна́ть, почём ~ ли́ха** гармию сардии рӯзгорро дидан

фу́нтик *м разг. (кулёк)* халтаи коғазин

фунтов||о́й, -а́я, -о́е *уст.* яккадоқӣ; **~а́я ги́ря** санги яккадоқӣ

фу́ра *ж* 1. аробаи дарози чорчарха 2. *см.* **фурго́н** 1

фура́ж *м* ему алаф

фуражи́р *м воен.* фуражир, ему хошок тайёркунанда

фуражиро́вка *ж уст. воен.* хӯроквори ва ему хошак тайёр кардани аскарон

фура́жка *ж* фуражка; **форменная ~** фуражкаи расмӣ

фура́жн||ый, -ая, -ое ...и ему хошок; **~ые фо́нды совхо́за** захираи ему хошоки совхоз

фурго́н *м* 1. аробаи чорчархаи каппадор 2. автомобили каппадори боркаш

фурго́щик *м* аробакаш

фу́рия *ж* 1. *миф.* фурия *(олиҳаи қасос дар Рими Қадим)* 2. *перен.* занаки шаттоҳ (ҷангара)

фу́рма *ж тех.* дамлула *(дар кураи металлгудозӣ)*

фурма́нка *ж* аробаи болопуши чорчарха

фурниту́ра *ж* масолеҳ

фуро́р *м* ҳангома; **произвести́ ~** ҳангома шудан

фуру́нкул *м мед.* даммал, чипкон

фурьери́зм *м ист.* фурьеризм *(таълимоти Ш. Фурье ва пайравони вай)*

фут *м* фут *(андозаи дарозист, ки ба 12 дюйм, 30,48 см. баробар аст)*

футбо́л *м спорт.* футбол

футболи́ст *м* футболбоз

футбо́лка *ж разг.* футболка

футбо́льн||ый, -ая, -ое ...и футбол, ...и футболбозӣ; **~ый матч** мусобиқаи футбол; **~ая площа́дка** майдончаи футболбозӣ; **~ая кома́нда** командаи футболбозон

футерова́ть *несов. что тех.* бӯтабандӣ кардан

футеро́вка *ж тех.* бӯтабандӣ; **~ котла́** бӯтабандии дег

футеро́вщик *м* бӯтабанд

футля́р *м* ҷилд, ғилоф; **~ для очко́в** ғилофи айнак; **~ для скри́пки** ҷилди ғижжак ◇ **челове́к в ~е** одам дар ғилоф

футури́зм *м* футуризм (1. *ҷараёни шаклпарастонае, ки дар санъат ва адабиёт дар ибтидои асри 20 дар Италия ба вуҷуд омада буд ва рӯҳияи буржуазияро ифода мекард* 2. *дар Россияи пешазинқилобӣ равияи адабии буржуазӣ*)

футури́ст *м* футурист, пайрави футуризм

футуристи́ческ||ий, -ая, -ое футуристӣ; **~ая жи́вопись** расми футуристӣ

футури́стка *женск. к* **футури́ст**

футури́стский, -ая, -ое 1. ...и футуризм, ...и футурист 2. футуристӣ

футуро́лог *м* футуролог

футуроло́гия *ж* футурология *(пешбинии илмии замони оянда)*

фуфа́йка *ж* фуфайка (1. *капанак* 2. *нимтанаи пахтадори лаганда*)

фуфу́: на **~** *разг.* 1) *(неосновательно, кое-как)* беасос, дилу бедилон; **де́лать что́-либо на ~** кореро дилу бедилон кардан; 2) *(обманным путём)* бо роҳи фиреб; 3) *(о чём-л. пропавшем, неудавшемся)* беҳуда, бар абас; **все его́ хло́поты пошли на ~** ҳамаи кушишҳои вай беҳуда (бар абас) рафтанд

фы́рканье *с* (*по знач. гл.* **фы́ркать**) биниболокашӣ, фирк-фирк кардан(и); *(звуки)* фирк-фирк; **~ ло́шади** фирк-фирк карданн асп; **гро́мкое ~** хандаи кикирросӣ

фы́рка||ть *несов.* 1. фирк-фирк кардан; **ло́шади ~ют** аспҳо фирк-фирк мекунанд 2. *перен. разг.* кикиррос (фиқ-қос) зада хандидан 3. *перен разг.* ғур-ғур кардан, қаҳр кардан, **что ты всё вре́мя ~ешь?** чаро ту доимо ғур-ғур мекунӣ?

фы́ркну||ть *сов.* 1. *однокр. к* **фы́ркать**; 2. *что, на кого-что разг.* бо ғазаб гап задан, бо қаҳр гуфтан; **мальчик**

~л на брата бача ба бародараш бо қаҳр гап зад

фьорд м см. фиорд

фюзеляж м ав. фюзеляж, танаи самолёт

фюзеляжный, -ая, -ое ав. ...и фюзеляж, и танаи самолёт

фюйть межд. в знач. сказ. разг. гум (ғоиб) шуд; гурехт; аз байн рафт

фюрер м фюрер (унвони сардори национал-социалистҳо)

X

х см. ха

ха межд. э-ҳа; ха! ты тоже поверил! э-ҳа! ту ҳам ба вай бовар кардӣ!

хабанера ж хабанера (номи рақси халқии Куба ва мусиқии он)

хавбек м уст. ниммуҳофиз (дар футбол)

хадж м ҳаҷ

хаджи м нескл. ҳоҷӣ

хадис м ҳадис

хаживать несов. разг. многокр. к ходить 1, 2

хазарск||ий, -ая, -ое ...и хазар, хазарӣ; ~ое царство давлати хазар

хазары мн. ист. хазарҳо (қабилаҳои кучманчӣ, ки дар асрҳои 4—10 дар ҷанубу шарқи Қисми Европоии СССР мезистанд)

хай м груб. прост. (шум, скандал) арбада, ғавғо, ҷанҷол

хайло с 1. спец. и обл. (выходное отверстие в печи) даҳани печь; дудбарои печь 2. груб. прост. (рот, глотка) ҳалқ

хакас м хакас; см. хакасы

хакаска ж хакасзан, хакасдухтар; см. хакасы

хакасский, -ая, -ое ...и хакас, хакасӣ, ...и хакасҳо; ~ язык забони хакасӣ

хакасы мн. хакасҳо (халқи сокини вилояти автономии Хакас)

хаки 1. прил. неизм. хокӣ, хокиранг; костюм цвета ~ костюми хокиранг 2. с нескл. (ткань) матои хокиранг; (одежда) либоси хокиранг

хала ж нон

халат м яктак, яктаҳ, хилъат, халат; бухарский ~ ҷомаи бухороӣ; больничный ~ яктаҳи беморхона; домашний ~ ҷомаи хонагӣ; маскировочный ~ воен. халати маскировка

халатик м уменьш. к халат

халатно нареч. саҳлгирона, бепарвоёна, хунукназарона; ~ относиться к работе ба кор бепарвоёна муносибат (нигоҳ) кардан

халатность ж саҳлгирӣ, бепарвоӣ, хунукназарӣ

халатн||ый I, -ая, -ое ҷомабоб, ҷомазеб; ~ая ткань матои ҷомабоб

халатн||ый II, -ая, -ое саҳлгир, бепарво, хунукназар; ~ое отношение к делу хунукназарӣ нисбат ба кор

халва ж ҳалво

халвов||ый, -ая, -ое ...и ҳалво, ҳалвоӣ; ~ая масса хамираи ҳалво

халдеи мн. ист. калдониён (номи қабилаҳои сомӣ, ки дар нимаи якуми ҳазораи якуми то милод дар ҷануби Байнаннаҳрайн иқомат доштанд)

халиф м ист. халифа ◇ ~ на час ирон. ҳокими дуруза

халифат м ист. хилофат

халифский, -ая, -ое ...и халифа, халифагӣ

халтура ж разг. 1. кори бедардимнён, пули бедардимиён 2. ҳатӯл, кори ҳарому ҳариш, кори чала-нимкола

халтурить несов. разг. 1. кори бедардимиён кардан 2. ҳатӯлкорӣ (палапартиш) кардан

халтурн||ый, -ая, -ое (халтур|ен, -на, -но) разг. ҳатӯл, ҳарому ҳариш, чала-нимкола; ~ая работа ҳатӯлкорӣ

халтурщик м разг. ҳатӯлчӣ, ҳатулкор, ҳаромкор

халтурщица женск. к халтурщик

халупа ж коза, кулба, чордевор

халцедон м мин. акики (сафед) ширранг

халцедоновый, -ая, -ое ...и акики сафед

хам м 1. уст. омӣ 2. разг. бран. берӯ, беҳаё, бешарм

хамелеон м 1. зоол. буқаламун 2. перен. презр. хардамхаёл, замонасоз

хамить несов. прост. беруӣ (дағалӣ, бешармӣ) кардан

хамка женск. к хам

хамса ж зоол. шимамоҳӣ

хамск||ий, -ая, -ое 1. уст. омиёна 2. разг. беҳаё, бешармона, дағалона; ~ое поведение рафтори дағалона

хамство с разг. берӯӣ, бешармӣ, дағалӣ

хамьё с собир. прост. берӯён, бешармон

хан м ист. хон

хандра ж яъс, зикӣ, хафагӣ, ҳузн, андуҳ, ғам, ғусса; на него нашла ~ уро ғам гирифт

хандрить несов. маъюс (зик, ғамгин) будан

ханжа м, ж разг. риёкор, мунофиқ

ханжеск||ий, -ая, -ое риёкорона, мунофиқона; ~ое поведение рафтори мунофиқона

ханжеской, -ая, -ое см. ханжеский

ханжество с риёкорӣ, мунофиқӣ, дурӯягӣ

ханжить несов. разг. риёкорӣ (мунофиқӣ, дурӯягӣ) кардан

ханский, -ая, -ое ...и хон, хонӣ

ханство с ист. 1. (титул) хонӣ 2. (страна) қаламрави хон, хонӣ

ханты мн. нескл. хантиҳо (халқи сокини округи автономии Ханти-Мансий)

хантыйский, -ая, -ое ...и хантӣ; ~ язык забони хантӣ

хаос м 1. миф. (хаос) хаос 2. (хаос) бетартибӣ, харҷумарҷ, бесарусомонӣ; хаос в делах бесомонии кор; в комнате царил хаос хона бесару сомон буд ◇ первозданный хаос ирон. бесарусомонӣ, харҷумарҷи ибтидоӣ

хаотический, -ая, -ое см. хаотичный

хаотичность ж бетартибӣ, харҷумарҷӣ, бесарусомонӣ; ~ движения молекул бетартибии ҳаракати молекулҳо

хаотичный, -ая, -ое (хаотич|ен, -на, -но) бетартибона, харҷумарҷ, бесарусомона

хапать несов. см. хапнуть

хапнуть сов. прост. 1. кого-что шарти капидан, чанг задан 2. что ноҳақ гирифтан, аз они худ кардан

хапуга м, ж прост. порахур, ришватхур; дузд

характер м 1. хулқ, ху, феъл, табиат, тинат, сират; мягкий ~ табиати мулоим; сильный ~ иродаи матин; добродушный ~ феъли хуш; прямота ~а ростгуӣ; они не сошлись ~ами ситораи онҳо ба ҳам мувофиқ наомад 2. ирода, сабот; он человек с ~ом вай одами матннирода аст 3. хосият, хусусият, сифат, ранг, шакл; ~ местности хусусияти маҳал; рассказы юмористического ~а ҳикояҳои ҳаҷвӣ; замечания критического ~а эродҳои танқидӣ 4. лит., иск. характер ◇ это в его ~е ин одати ӯст; выдержать ~ ба гапи худ истодан

характерец м неодобр. инҷиқӣ, саркашӣ, якравӣ, гарданшаҳӣ

характериз||овать сов., несов. кого-что 1. тавсиф (таъриф, муайян, баён) кардан; докладчик правильно ~овал положение маърӯзачӣ вазъиятро дуруст баён кард 2. тавсиф (таъриф) кардан, нишон додан; этот поступок хорошо его ~ует ин рафтор кӣ буданн ӯро нағз нишон медиҳад

характериз||оваться несов. 1. тавсиф ёфтан; лето в этой местности ~уется частыми ливнями тобистони ин маҳал серборон аст 2. страд. тавсиф (таъриф) карда шудан

характеристик||а ж 1. характеристика, тавсиф, таъриф, баҳо; ~а действующих лиц тавсифи иштироккунандагони асари саҳнавӣ; дать положительную ~у баҳои мусбат додан 2. офиц. таърифнома, тавсифнома, характеристика; ~а с места работы тавсифнома аз ҷои кор 3. мат сифат (қисми томи логарифми даҳӣ) 4. тавсиф (нишондиҳандаи иқтидори чизе); ~а мощности двигателя тавсифи иқтидори муҳаррик

характерно нареч. махсус, хос; это для него ~ ин барои вай хос аст

характерность ж хусусият, хосият

характерный, -ая, -ое уст. и прост. қавиирода, инҷиқ, худраъй

характерн||ый, -ая, -ое (характер|ен, -на, -но) 1. хос, ғариб; ~ое лицо қиёфаи ғариб; ~ая черта хислати хос 2. махсус, ба худ хос; ~ая для горцев одежда либоси махсуси кӯҳистониён; ~ые танцы рақсҳои ба ягон халқ (ба ягон давра) хос; ~ые роли театр. рольҳои махсус

Хари́бда *ж*: **быть (находи́ться) ме́жду Сци́ллой и Хари́бдой** дар миёни обу оташ мондан (будан) *(киноя аз номи ду махлуқи мудҳиши асотири Юнони Қадим, ки дар канори гузаргоҳ истода киштиҳоро нобуд мекардаанд)*

ха́риус *м (рыба)* озодамоҳӣ

ха́рканье *с (по знач. гл.* **ха́ркать)** балғам (туф) кардан(и)

ха́ркать *несов. разг.* гулу афшондан, балғам кардан, туф кардан; ~ **кро́вью** хун партофтан

ха́ркнуть *сов. однокр. к* **ха́ркать**

ха́ртия *ж* хартия (1. *дастнависи қадим* 2. *ҳуҷҷат, ярлиқ)*

харч *м см.* **харчи́**

харче́вник *м уст. прост.* соҳиби ошхона

харче́вня *ж уст.* ошхона

харчи́ *мн. уст. и прост.* хурок, озуқа

харчи́ться *несов. уст. и прост.* хӯрок (таом) хӯрдан

харчо́ *с нескл.* мастоба

ха́ря *ж груб. прост.* башара, афту башара, шамоил

ха́та *ж* хона ◊ **моя́ (твоя́, его́** *и т. п.***) ~ с краю** ин ба ман (ту, вай *ва ғ.*) дахл надорад; ин кори ман (ту, вай *ва ғ.*) не

ха́тка *ж уменьш. к* **ха́та**

ха-ха́, ха-ха-ха́ *межд.* ҳа-ҳа, ҳа-ҳа-ҳа

ха́халь *м груб. прост.* хушдор; ӯйнош

ха́ханьки *мн. см.* **хи́ханьки**

ха́ять *несов. прост. кого-что* бад гуфтан, бадном кардан; наҳ задан

хвала́ *ж книжн.* 1. мадҳ, ҳамду сано, ситоиш, таҳсин, таъриф, тақдир 2. *возглас и в знач. сказ.* аҳсан, салламно, шаъну шараф бод; ~ **и честь геро́ям!** шаъну шараф бод ба қаҳрамонон!

хвале́бн||ый, -ая, -ое (хвале́б|ен, -на, -но) маддоҳона, ситоишкорона; **~ый гимн** мадҳия; **~ый о́тзыв** таъриф; **~ая речь** ситоишгуӣ

хвалёный, -ая, -ое *ирон.* таърифӣ, овозадор, ҳамдӣ

цел||ь *ж* 1. нишон, нишона, ҳадаф; **бить в ~ь** ба нишон задан (расидан); **бить мимо ~и** ба нишон назадан; **попасть в ~ь** ба нишон расондан 2. *перен.* мақсад, ният, мурод; **высшая ~ь** мақсади олӣ; **с какой ~ью?** ба кадом мақсад?, ба чӣ мақсад?; **иметь ~ью (~ь)** мақсад (орзу, ният) доштан; **ставить себе какую-л. ~ь** дар назди худ мақсаде гузоштан; **добиться (достичь) ~и** ба мақсад (ба мурод) расидан; **быть у ~и** ба мақсад наздик будан; **преследовать ~ь** аз паи мақсад будан (шудан); **в ~ях** *чего предлог* ба мақсади..., дар мақсади; **в ~ях защиты социалистических завоеваний** ба мақсади муҳофизати музаффариятҳои социалистӣ; **в ~ях личной наживы** ба мақсади бойшавӣ; **с ~ью** *чего и с неопр. предлог* ба мақсади..., дар мақсади...; барои он ки...; **убийство с ~ью ограбления** куштор ба мақсади ғоратгарӣ

цельнометаллический, -ая, -ое *тех.* пуррафулуззӣ; **~ вагон** вагони пуррафулуззӣ

цельность *ж* 1. яклухтӣ, бутун будан(и) 2. том (ягона) будан(и); **~ художественного образа** том будан(и) образи бадеӣ

цельн||ый, -ая, -ое (цел|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф.* яклухт, бутун; **~ый кусок жести** як тахта тунукаи бутун; **из ~ого куска ткани** аз як порчаи яклухти матоъ; 2. *тк. полн. ф.* холис, тоза; **~ое молоко** шири холис 3. *перен.* том, ягона, устувор; **~ый характер** иродаи устувор 4. *тк. полн. ф. прост. см.* **целый** 1, 4

Цельсий *м* Цельсий (*термометре, ки ҷадвалаш 100 дараҷа буда аз нуқтаи обшавии ях то дараҷаи ҷӯшиши обро дар бар мегирад*)

цемент *м* 1. *мин.* цемент, симон; соруҷ; **быстротвердеющий ~** симони тезшахшаванда; **декоративный ~** симони ороиш 2. *анат.* рупуши дандон

цементация *ж* 1. *тех.* цементонӣ, соруҷбандӣ, қирбандӣ 2. *тех.* обдиҳӣ (*усули сахт намудани руи оҳан ё пулод*) 3. *геол.* цементация (*процесси часпиши қисмҳои таркибии ҷинсҳо бо воситаи маҳлулҳои минералии моддаҳо*)

цементирование *с* (*по знач. гл.* **цементировать**) соруҷбандӣ кардан(и); обдиҳӣ; муттаҳидкунӣ; **~ стали** обдиҳии пулод; **~ дорожек** соруҷбандӣ кардани роҳравҳо

цементировать *сов., несов.* 1. *что тех.* цементонидан, қирбандӣ кардан 2. *что тех.* об додан; **~ сталь** пулодро об додан 3. *что* цементфарш (цементпуш) кардан; **~ дорожки** роҳравҳоро цементпӯш кардан 4. *кого-что перен.* муттаҳид намудан

цементироваться 1. *сов., несов. тех.* обутоб ёфтан 2. *геол.* ба ҳам часпидан 3. *несов. страд.* қирбандӣ карда шудан

цементировка *ж см.* **цементация** 1

цементировочный, -ая, -ое *тех.* ...и цементонӣ; **~ состав** маҳлули соруҷбандӣ

цементн||ый, -ая, -ое ...и цемент, ...и симон, симонӣ; **~ый завод** заводи симон; **~ая дорожка** роҳрави симонӣ

цементовать *сов., несов.* **цементировать** 1, 2

цементоваться *сов., несов. см.* **цементироваться**

цементовка *ж см.* **цементирование**

цементовоз *м* мошини симонкаш

цен||а *ж* 1. нарх, баҳо, қимат, арзиш; **государственная ~а** нархи давлатӣ; **оптовые цены** нархи кӯтара, нархи яклухт; **розничные цены** нархи чакана, нархи майдафурӯшӣ; **высокие цены** нархи баланд; **низкие цены** нархи паст; **твёрдая ~а** нархи катъӣ; **красная ~а** нархи хуб, нархи арзанда; **политика цен** сиёсати нархгузорӣ; **назначить цену** нарх гузоштан (мондан); **снизить цены** нарх кам кардан; **повысить цены** нарх баланд кардан; **нагнать цену** нархро зиёд (баланд) кардан; **перебить цену** *уст.* нархро шикастан 2. *перен.* қадр, қадру қимат, қадру манзалат; **~а дружбы** қадру қимати дустӣ; **это не имеет для меня никакой ~ы** ин барои ман қимате надорад ◇ **~ою** *чего* ба бадали ...ба қимати, ...бо арзиши...; **~ою жизни** ба бадали ҷон; **любой (какой бы то ни было) ~ой** ба бадали чизе, ки бошад; **дорогой ~ой досталось** қимат афтодааст; ба осонӣ ба даст надаромадааст; **добиться чего-л. ~ою невероятных усилий** чизеро бо машаққати зиёд ба даст овардан; **быть в ~е** қимат будан; қадр доштан; **знать цену кому-чему-л.** ба қадри касе, чизе расидан; **знать себе цену** қадри худро донистан; **набить себе цену** нархи худро баланд кардан, бозори худро тез кардан; **грош ~а [в базарный день]** *кому-чему* ба як пули сиёҳ (пучак) ҳам намеарзад; якпула чиз, якпула одам; **~ы нет** *кому-чему* баҳо надорад, бебаҳо

ценз *м* меъёр; маҳдудият; **имущественный ~** меъёри моликиятдорӣ; **образовательный ~** меъёри маълумот; **~ оседлости** маҳдудияти муқимият

цензов||ый, -ая, -ое ... и меъёр; **~ые выборы** интихоботҳои цензӣ

цензор *м* цензор (*маъмури цензура*)

цензорск||ий, -ая, -ое ... и цензор, цензорӣ; **~ие замечания** қайдҳои цензор

цензорство *с* цензорӣ

цензур||а *ж в разн. знач.* цензура; **пройти ~у** аз цензура гузаштан; **подвергнуть ~е** аз цензура гузаронидан

цензурность *ж* лоиқи интишор будан(и)

цензурн||ый, -ая, -ое (ценузр|ен, -на, -но) 1. ... и цензура; **~ые правила** қоидаҳои цензура 2. (*допустимый к печати, постановке и т. п.*) лоиқи интишор (истеъмол)

ценитель *м* қадршинос, қадрдон; **~ искусства** қадрдони санъат

ценительница *женск. к* **ценитель**

ценить *несов. кого-что* 1. *разг.* нарх (баҳо) мондан, қимат таъин кардан; **~ в сто рублей** сад сум нарх мондан; **дорого ~ вещь** ба мол баҳои баланд мондан 2. *перен.* қадр донистан, ба қадр расидан, тақдир кардан; **~ по заслугам** ба қадри хизматаш расидан; **его очень ценят** уро бисьёр тақдир мекунанд

цениться *несов.* 1. нарх (баҳо, қимат) доштан; **мех ценится высоко** муина баҳои баланд дорад 2. *перен.* қадр (қадру қимат) доштан; **он очень ценится как хороший специалист** у ҳамчун мутахассиси хуб қадри баланд дорад 3. *страд.* нарх монда шудан

ценник *м* баҳонома, нархнома; **~ товаров** нархномаи молҳо

ценностн||ый, -ая, -ое *эк.* ... и нарх ..., и баҳо ..., и арзиш; **учёт материала в ~ом выражении** ҳисобу китоби мол аз руи нарх

ценност||ь *ж* 1. нарх, баҳо, арзиш, қимат; **определить ~ь ткани** нархи матоъро муайян кардан 2. арзандагӣ, муҳиммӣ, аҳамият; **его работа имеет большую ~ь для науки** кори у барои илм аҳамияти калон дорад 3. *чаще мн.* чизҳои қиматбаҳо; сарват; **хранение ~ей** нигоҳдории чизҳои қиматбаҳо; **культурные ~и** сарватҳои маданият

ценн||ый, -ая, -ое (цен|ен, ценна, -но) 1. *тк. полн. ф.* баҳодор, қиматдор, арзишдор; **~ое письмо** мактуби баҳодор 2. қиматбаҳо, арзанда; **~ый подарок** тӯҳфаи қиматбаҳо 3. *перен.* муҳим, зарур; **~ый работник** коркуни муҳим; **~ое открытие** кашфиёти муҳим ◇ **~ые бумаги** коғазҳои қиматдор (пулӣ) (*вексель, облигация ва ғ.*)

ценообразование *с* нархгузорӣ; таъини қимат (нарх)

цент *м* цент (*пули майдаи ШМА ва баъзе мамлакатҳои дигар*)

центнер *м* центнер

центр *м* 1. *мат., физ.* марказ; **~ окружности** маркази доира; **~ тяжести** 1) маркази вазн 2) *перен.* вазн, вазнинӣ; 2. (*середина*) миёнаҷой, марказ, васат; **жить в ~е города** дар маркази шаҳр зиндагӣ кардан; **в ~е страны** дар маркази мамлакат; **в ~е толпы** дар миёнаҷои издиҳом 3. (*место сосредоточения*) марказ; **~ революционного движения** маркази ҳаракати революционӣ; **Центр управления космическими полётами** Маркази идораи парвозҳои кайҳонӣ; **~ куль-**

ту́рной жи́зни маркази ҳаёти маданӣ; **полити́ческий ~** маркази сиёсӣ 4. *(город)* марказ; **администрати́вный ~** маркази маъмурӣ; **областно́й ~** маркази вилоятӣ; **промы́шленный ~** маркази саноатӣ; **торго́вый ~** маркази тиҷоратӣ 5. *(высший орган)* марказ; **директи́вы ~а** директиваҳои марказ; **коми́ссия из ~а** комиссияи марказ 6. *физиол.* марказ *(маҷмуи муайяни ҳуҷайраҳои асаб, ки он ё ин кори организмро идора мекунад)*; **дви́гательный ~** маркази ҳаракат; **дыха́тельный ~** маркази нафас 7. *полит.* марказ *(дар парламентҳои буржуазӣ номи баъзе партия ва гуруҳҳо)* ◇ **~ нападе́ния** *спорт.* ҳуҷумкунандаи марказӣ; **быть в ~е внима́ния** дар маркази диққат будан, дар мадди назар будан

центра́л *м уст.* централ, ҳабсхонаи марказӣ *(дар Россияи тореволюционӣ)*

централиза́ция *ж (по знач. гл.* **централизова́ть** *и* **централизова́ться***)* тамаркуз, марказонидан(и)

централи́зм *м* централизм *(ба як марказ тобеъ будани органҳои маҳаллӣ)* ◇ **демократи́ческий ~** централизми демократӣ

централизо́ванн||ый, -ая, -ое мутамарказ; **~ая госуда́рственная власть** ҳокимияти мутамаркази давлатӣ; **~ый ремо́нт маши́н** таъмири мутамаркази мошинҳо; **~ое те́пло- и водоснабже́ние** таъмини мутамаркази гармӣ ва об; **~ое управле́ние че́м-л.** идораи мутамаркази чизе; **в ~ом поря́дке** ба тартиби мутамарказ

централизова́ть *сов., несов. что* марказонидан; **~ госуда́рство** давлатро марказонидан; **~ управле́ние** идоракуниро марказонидан

централизова́ться 1. *сов., несов.* мутамарказ шудан 2. *несов. страд.* марказонида шудан

централисти́ческий, -ая, -ое ... и централизм

центра́лка *ж прост.* 1. *см.* **центра́л**; 2. *(ружьё)* марказнишон

центра́ль *ж* роҳи марказӣ, шоҳроҳ

центра́льн||ый, -ая, -ое 1. *мат., физ.* марказӣ, ... и марказ; **~ая то́чка** нуқтаи марказӣ; **~ый у́гол** *мат.* кунҷи марказӣ 2. марказӣ; **~ая у́лица** кӯчаи марказӣ; **~ый райо́н** районҳои марказӣ; **Центра́льная А́зия** Осиёи Марказӣ; **~ый напада́ющий** *спорт.* ҳуҷумкунандаи марказӣ 3. *перен.* асосӣ, муҳим; **~ый вопро́с** масъалаи асосӣ; **занима́ть ~ое ме́сто** ҷои муҳимро ишғол кардан; **~ая роль** роли асосӣ 4. марказӣ; **~ая власть** ҳокимияти марказӣ; **Центра́льный Комите́т КПСС** Комитети Марказии КПСС; **~ый телегра́ф** телеграфи марказӣ; **~ая печа́ть** матбуоти марказӣ 5. марказӣ; **~ое отопле́ние** гармидиҳии марказӣ ◇ **~ая не́рвная систе́ма** *физиол.* системаи марказии асабҳо; **ружьё ~ого боя́** милтиқи марказнишон

центри́зм *м полит.* центризм *(ҷараёни идеявию сиёсӣ, ки дар рафти мубориза равияҳои революционӣ ва ислоҳотпарастии Интернационали II пайдо шуда бо роҳи гузаштҳо ба оппортунизм мухолифати онҳоро бартараф карданӣ мешуд)*

центри́рование *с (по знач. гл.* **центри́ровать***)* ҳаммарказ кардан(и)

центри́ровать *сов., несов. что тех.* ҳаммарказ кардан; **~ опти́ческие стёкла** шишаҳои оптикиро ҳаммарказ кардан

центриро́вка *ж см.* **центри́рование**

центри́ст *м полит.* центрист, тарафдори центризм

центри́стский, -ая, -ое *полит.* ... и центрист, центристӣ, ... и центризм, центризмӣ

центрифу́га *ж тех.* центрифуга (1. *дастгоҳест барои таҷзияи таркиби маҳлулҳо бо таъсири қувваи марказгурез* 2. *иншоотест барои ба вуҷуд овардани вазнинии зарурӣ барои озмоиши асбобҳо ва санҷиши кайҳоннавардон)*

центробе́жн||ый, -ая, -ое *физ.* марказгурез; **~ая си́ла** қувваи марказгурез ◇ **~ые не́рвные воло́кна** *физиол.* торҳои фармонбари асаб

центрова́льный, -ая, -ое *тех.* ...и ҳаммарказонӣ; **~ стано́к** дастгоҳи ҳаммарказонӣ

центрова́ние *с (по знач. гл.* **центрова́ть***)* ҳаммарказ кардан(и)

центрова́ть *сов., несов. что тех.* ҳаммарказ кардан

центро́вка *ж тех.* ҳаммарказонӣ

центров||о́й, -а́я, -о́е марказӣ, ...и марказ; **~ы́е отве́рстия** сурохҳои марказӣ

центро́вочн||ый, -ая, -ое ...и ҳаммарказонӣ, марказнамо; **~ая лине́йка** ҷадвали марказнамо

центропла́н *м ав.* центроплан *(қисми миёнаи қаноти самолёт)*

центростреми́тельн||ый, -ая, -ое *физ.* марказшитоб; **~ая си́ла** қувваи марказшитоб ◇ **~ые не́рвные воло́кна** *физиол.* торҳои асаби марказшитоб

центрфо́рвард *м спорт.* центрфорвард, ҳуҷумкунандаи марказӣ *(дар бозии футбол, чавгон ва ғ.)*

центурио́н *м ист.* сардори центурия

центу́рия *ж ист.* центурия *(дар Рими Қадим садаи лашкар ва воҳиди ҳарбию сиёсии аҳолӣ)*

цеп *м* 1. *с.-х.* ғаллакӯбак *(асбоби дастии ғаллакӯбӣ)* 2. *текст.* торгирак *(ришта ё пираки дастгоҳӣ бофандагӣ, ки торҳоро чичил шудан намемонад)*

цепене́||ть *несов.* шах (карахт) шудан; **ру́ки ~ют от сту́жи** даст аз хунукӣ карахт мешавад; **~ть от стра́ха (от у́жаса)** аз тарс карахт шудан

це́пень *м зоол.* тасмагиҷҷа

це́пка *ж прост. см.* **цепо́чка**

це́пк||ий, -ая, -ое (це́п|ок, -ка, -ко) 1. гиро, гиранда; **~ие па́льцы** ангуштони гиро; **~ие ко́гти** чанголи гиро 2. часпанда, часпон, часпак; **~ая по́чва** хоки часпак 3. *перен. (о взгляде, памяти и т. п.)* тез, тезфаҳм; **у него́ ~ий ум** зеҳни у тез аст, у зеҳни тез дорад, зеҳнаш тез 4. *перен. разг. (о человеке)* якрав, гарданшах; суботкор, матин

це́пкость *ж* 1. гироӣ; **~ рук** гироии даст 2. *перен.* тезӣ, тезфаҳмӣ; **~ па́мяти** хубии ҳофиза 3. *перен. разг.* якравӣ; суботкорӣ

цепля́ть *несов.* 1. *разг. см.* **цепля́ться** 1; 2. *кого-что прост.* андармон кардан 3. *что прост.* ба худ овехтан, ба худ часпондан; **~ на себя́ безделу́шки** ба худ зевархои барзиёд овехтан

цепля́ться *несов.* 1. *за кого-что* андармон шудан, дармондан, банд шудан; **пла́тье цепля́ется за куста́рник** бари курта ба шохи бутта дармемонад 2. доштан, часпидан; **~ за сте́ны** ба девор часпидан 3. *за что перен. разг.* часпидан, маҳкам доштан; пайравӣ кардан; **~ за мысль** ба ягон фикр часпидан, ягон фикрро маҳкам доштан; **~ за ста́рые техни́ческие но́рмы** ба нормаҳои кӯҳнаи техникӣ часпида гирифтан 4. *к кому-чему, за кого-что прост.* хурдагирӣ кардан, баҳонаталабӣ кардан, эродгирӣ (айбҷӯӣ, нуктагирӣ) кардан; **~ за ме́лочи** ба корҳои майда-чуйда эрод гирифтан

цепн||о́й I, -а́я, -о́е 1. занҷирӣ, ... и занҷир; **~ы́е зве́нья** ҳалқаҳои занҷир 2. занҷирӣ, занҷирдор, занҷирнок; **~а́я переда́ча** ҳаракатнокили занҷирӣ; **~о́й мост** қантара 3. занҷирбанд; **~а́я соба́ка** саги занҷирбанд 4. мусалсал, пай дар пай, пай ҳам; **~ы́е рефле́ксы** рефлексҳои мусалсал ◇ **~а́я реа́кция** *физ., хим.* реакцияи мусалсал

цепно́й II, -ая, -о́е ... и ғаллакӯбак, ... и ғаллакӯбӣ

цепо́чк||а *ж* 1. занҷирча, занҷира, занҷир; **часы́ с ~ой** соати занҷирдор; **запере́ть дверь на ~у** дарро занҷир кардан 2. қатор, силсила; **~а альпини́стов** қатори кӯҳнавардон 3. *в знач. нареч.* **цепо́чкой** *см.* **цепь** 7; **дви́гаться ~ой** паи ҳам рафтан

цепь *ж* 1. занҷир; **я́корная ~** занҷири лангар; **посади́ть соба́ку на ~** сагро занҷирбанд кардан; **спусти́ть соба́ку с цепи́** сагро аз занҷир раҳо кардан 2. *(кандалы, оковы)* ишкел, завлона 3. *перен.* асорат, юғ; **це́пи ра́бства** асорати ғуломӣ, юғи ғуломӣ 4. силсила, қатор; **~ гор** силсилаи кӯҳҳо, қаторкӯҳ; // *воен.* силсила; **стрелко́вая ~** силсилаи тирандозон 5. *перен.* силсила; **~ собы́тий** силсилаи ҳодисаҳо; **~ доказа́тельств** силсилаи далелҳо 6. *тех.* занҷир, силсила; **телефо́нная ~** силсилаи телефонҳо; **электри́ческая ~** занҷири электрикӣ 7. *в знач. нареч.* **це́пью** қатор-қатор, паси ҳам, паи ҳам ◇ **как (бу́дто, сло́вно, то́чно) с цепи́ сорва́лся** мисли саги занҷиргусиста

цербер *м* 1. *миф.* цербер *(дар асотири Юнони Қадим саги бадхашме, ки дари ҷаҳаннамро посбонӣ мекардааст)* 2. *перен.* посбони ҳушьёри бадқаҳр (бадхашм)

церебра́льный, -ая, -ое 1. *анат.* ...и майна, ... и мағзи сар 2. *лингв.* ... и комӣ

церемониа́л *м* қоидаи маросим; **согла́сно ~у** мувофиқи қоидаи маросим, аз рӯи қоидаи маросим ◊ **пройти ~ом** *уст. воен.* бо тантана гузаштан

церемониа́льн||ый, -ая, -ое 1. ... и қоидаҳои маросим; **~ые подробности** ҷузъиёти қоидаҳои маросим 2. тантанавӣ, бошукуҳ; **~ая встре́ча** истиқболи бошукуҳ ◊ **~ый марш** марши тантананок

церемонийме́йстер *м уст.* удайчӣ, мудири ташрифот *(яке аз аркони дарбор, ки ба иҷрои маросимҳои дарборӣ роҳбарӣ мекард)*

церемо́н||иться *несов.* 1. *чаще с отриц.* такаллуф кардан; **прошу́ не ~иться** хоҳишмандам такаллуф накунед 2. *с кем-чем и без доп.* нозбардорӣ кардан, нози *касеро* бардоштан; **с ним не о́чень ~ятся** нози вайро ин қадар ҳам намебардоранд

церемо́ни||я *ж* 1. маросим; **~я откры́тия** маросими кушод; **~я подъёма фла́га** маросими бардоштани байрақ; **~я вруче́ния дипло́мов** маросими супурдани дипломҳо; **~я приве́тствий** маросими табрик; **сва́дебная ~я** маросими туй 2. *чаще мн.* **церемо́нии** *перен. разг.* такаллуфот, такаллуф; **без дальне́йших ~й** минбаъд такаллуф накунед

церемо́нно *нареч.* ботакаллуфона

церемо́нность *ж* ботакаллуфӣ; **он отлича́ется изли́шней ~ю** вай ниҳоят ботакаллуф аст

церемо́нн||ый, -ая, -ое (церемон|ен, -на, -но) 1. ботакаллуф; **~ый отве́т** ҷавоби ботакаллуф; **~ое поведе́ние** рафтори ботакаллуф 2. сертакаллуф, танноз; **~ый гость** меҳмони сертакаллуф

церкву́шка *ж уменьш.-ласк. к* **це́рковь** 2

церко́вник *м разг.* 1. *уст. см.* **церковнослужи́тель**; 2. диндор

церковноприхо́дск||ий, -ая, -ое: **~ая шко́ла** *ист.* мактаби ибтидоӣ *(дар Россияи тореволюционӣ)*

церковнославя́нский, -ая, -ое динии славянӣ; **~ язы́к** забони динии славянӣ

церковнослужи́тель *м* ходими калисо

церко́вн||ый, -ая, -ое 1. ...и калисо, динӣ; **~ые кни́ги** китобҳои динӣ; **~ый брак** никоҳи калисоӣ 2. ... и калисо, ... и бинои калисо; **~ая у́тварь** асбобу анҷоми калисо ◊ **бе́ден как ~ая мышь (крыса)** дар хонааш муш бо асо мегардад

це́рковь *ж* 1. мазҳаб, дин, калисо; **правосла́вная ~** мазҳаби православӣ; **католи́ческая ~** калисои католикӣ; **отделе́ние це́ркви от госуда́рства** ҷудо кардани калисо (дин) аз давлат 2. калисо, бинои калисо

цесаре́вич *м* шоҳзодаи валиаҳд *(дар Россияи подшоҳӣ)*

цесаре́вна *ж* 1. зани шоҳзода 2. духтари шоҳ

цеса́рка *ж зоол.* мурғи фиръавн; мурғи шоҳдор

цех *м* 1. *ист.* ҷамъияти косибон *(дар Европаи Ғарбии асрҳои миёна)* 2. цех; **лите́йный ~** цехи рехтагарӣ; **прока́тный ~** цехи прокат

цех- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «цех»:* **цехко́м** комитети цех

цехи́н *м ист.* цехин *(тангаи тиллои қадимаи венециягӣ)*

цехко́м *м* комитети цех

цехов||о́й, -ая, -ое 1. *ист.* ...и ҷамъияти косибон; **~ы́е тради́ции** анъанаҳои ҷамъияти косибон 2. ...и цех, цехӣ; **~о́й комите́т** комитети цех; **~о́й ма́стер** устои цех 3. *перен.* тангназар

цехо́вщина *ж разг.* тангназарӣ

цеце́ *ж нескл. зоол.* цеце *(магаси хунмаки Африка)*

циа́н *м хим.* циан *(гази беранги заҳрдор)*

циани́стый, -ая, -ое *хим.* цианид; **~ ка́лий** цианиди калий

циа́нов||ый, -ая, -ое *хим.* ... и циан, цианӣ, циандор; **~ая кислота́** кислотаи цианӣ

циано́з *м мед. см.* **синю́шность**

цивилиза́тор *м чаще ирон.* тамаддунфуруш

цивилиза́торский, -ая, -ое *чаще ирон.* тамаддунфуруш

цивилиза́ци||я *ж* тамаддун, маданият; **мирова́я ~я** тамаддуни ҷаҳон; **эпо́ха примити́вных ~й** давраи тамаддунҳои ибтидоӣ

цивилизо́ванность *ж* маданиятнокӣ, дараҷаи тамаддун; **~ о́бщества** дараҷаи тамаддуни ҷамъият

цивилизо́ванн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* мутараққӣ 2. *прил.* мутамаддин, мутараққӣ; **~ые госуда́рства** давлатҳои мутараққӣ

цивилизова́ть *сов., несов. кого-что* маданӣ кардан, тараққӣ додан

цивилизова́ться *сов., несов.* маданӣ шудан

цивили́стика *ж* цивилистика; илми ҳуқуқҳои граждани

циви́льн||ый, -ая, -ое *уст.* гражданӣ, ғайриҳарбӣ; **~ая оде́жда** либоси гражданӣ, либоси ғайриҳарбӣ

цыга́йск||ий, -ая, -ое: **~ая поро́да ове́ц** гусфанди цигаӣ *(навъе аз гусфандҳои маҳинпашм)*

цига́рк||а *ж разг.* цигарка *(папироси дастӣ)*; **сверну́ть ~у** тамоку печонидан *(барои кашидан)*

цига́рочный, -ая, -ое *разг.* ... и цигарка

цыге́йка *ж* цигейка *(муинаи маҳини гусфандҳои цигаӣ)*

циду́лка *ж уст. разг.* хатча, руқъа

цика́да *ж зоол.* чирчирак

цикл *м* 1. цикл, доира; **произво́дственный ~** цикли истеҳсолот; **~ разви́тия чего-л.** доираи тараққиёти чизе; **~ дви́гателя вну́треннего сгора́ния** цикли муҳаррики дарунсуз 2. цикл, силсила; **~ ле́кций** силсилаи лекцияҳо; **~ конце́ртов** силсилаи консертҳо 3. цикл, доираи фанҳо *(маҷмуи фан ва дарсҳо, ки аз рӯи ягон принципи умумӣ фароҳам оварда шудаанд)*; **истори́ческий ~** цикли таърихӣ 4. *лит.* цикл, силсила *(силсилаи асарҳои бадеии як жанр, ки дар доираи мавзуи умумӣ гирд омадаанд)*; **~ стихотворе́ний** цикли (силсилаи) шеърҳо

цикламе́н *м бот.* бунафшаи чамани

циклева́ние *с* (*по знач. гл.* **циклева́ть**) суфтакунӣ, ҳамвор кардан(и)

циклева́ть *что несов.* суфта (ранда) кардан, ҳамвор (тахт) кардан *(бо досранда рӯи чубини ягон чизро ҳамвор кардан)*; **~ парке́т** паркетро ҳамвор (тахт) кардан

циклёвка *ж см.* **циклева́ние**

циклиза́ция *ж* гирдоварӣ, тасалсул; **~ были́н** тасалсули достонҳо

цикли́ческ||ий, -ая, -ое даврӣ, даврагӣ; **~ое разви́тие** инкишофи даврагӣ

цикли́чность *ж* 1. даврӣ (даврагӣ) будан(и); **~ разви́тия** даврӣ будани тараққиёт 2. циклӣ будан(и), силсилавӣ будан(и)

цикли́чн||ый, -ая, -ое (цикличен, -на, -но) 1. *см.* **цикли́ческий**; 2. циклӣ, силсилавӣ; **~ая организа́ция произво́дства** ташкили циклии истеҳсолот

цикло́ида *ж мат.* циклоида *(хати каҷе, ки дар нуқтаи бо хати рост ғелидани нуқтаи доира ҳосил мешавад)*

циклоида́льн||ый, -ая, -ое *мат.* циклоидашакл, циклоидамонанд; **~ая ли́ния** хати циклоидашакл

цикло́н *м* 1. *метео* циклон; **полоса́ ~а** минтақаи циклон 2. *(буря, ураган)* бурон, тундбод 3. *тех.* циклон *(аппарате, ки ба воситаи он ҳаво, инчунин газҳоро аз чанг тоза мекунанд)*

цикло́н||ый, -ая, -ое ... и циклон, циклонӣ; **~ая то́пка** кураи циклонӣ

цикло́п *м* 1. *миф.* циклоп *(дар асотири Юнон деви якчашма)* 2. *зоол.* тезгазак *(ҳашароти обии буғумпой)*

циклопи́ческий, -ая, -ое *книжн.* бузург, азим

циклотро́н *м тех.* циклотрон *(суръатфизои заррачаҳои зарядиок)*

ци́кля *ж* досранда

цико́ри||й *м* 1. *бот.* косни, ҳиндбо 2. решаи хушки косни, ҳиндбо; **ко́фе с ~ем** қаҳваи ҳиндбоӣ, қаҳваи коснӣ

цико́рный, -ая, -ое ... и коснӣ, ... и ҳиндбо; **~ ко́рень** решаи коснӣ (ҳиндбо); **~ ко́фе** қаҳваи коснӣ (ҳиндбо)

цику́та *ж бот.* цикута, шавкарон

цили́ндр *м* цилиндр (1. *мат.* ҷисми геометрии устувонашакл 2. *тех.* қисми мотор, насос ва ғ. ки андаруиаш поршень ҳаракат мекунад 3. *кулоҳи лапарборики баланду сахти ялаққосӣ)*

цилиндрическ||ий, -ая, -ое цилиндри, ... и цилиндр; **~ая фо́рма** шакли цилиндрӣ

цили́ндров||ый, -ая, -ое *тех.* цилиндрӣ; **~ая кры́шка** сарпуши цилиндрӣ

цимбали́ст *м* чангнавоз, чангӣ

цимба́лы *тк. мн. муз.* чанг *(асбоби мусиқӣ)*

цимля́нское *с* шароби цимлянӣ *(шароби ангурии пуркафк)*

цинга́ *ж* цинга, исқорбут *(касалие, ки аз норасоии витаминҳо сар мезанад ва одамро тамоман беҳол карда, вораҳоро мепӯсонад, дандонҳоро мерезонад)*

цинго́тн||ый, -ая, -ое 1. ... и цинга; **~ые заболева́ния** касалиҳои цинга 2. гирифтори цинга; **~ый больно́й** гирифтори цинга

цини́зм *м* беорӣ, бешармӣ, беномусӣ

ци́ник *м* одами беор (бешарм, беномус)

цини́ческий, -ая, -ое *см.* **цини́чный**

цини́чно *нареч.* беорона, бешармона, беномусона

цини́чность *ж* беорӣ, бешармӣ, беномусӣ

цини́чный, -ая, -ое (цини́ч|ен, -на, -но) беор(она), бешарм, беномус; **~ отве́т** ҷавоби беор

цинк *м хим.* рух *(элементи химиявӣ, металл)*

цинкова́ть *несов. что тех.* руҳандуд кардан

ци́нков||ый, -ая, -ое ... и рух, руҳӣ, руҳин; **~ые бели́ла** ранги сафеди руҳин; **~ая мазь** марҳами рух // руҳин; **~ое ведро́** сатили руҳин

цинко́граф *м* цинкограф, мутахассиси цинкография, устои цинкография

цинкографи́ческий, -ая, -ое ... и цинкография, цинкографӣ; **~ спо́соб воспроизведе́ния фотогра́фии** усули бо цинкография чоп кардани сурати фотографӣ

цинкогра́фия *ж* цинкография (1. *усули сабти сурат дар лавҳачаҳои руҳин барои минбаъда бардоштани нусхаи онҳо дар матбаа* 2. *корхонаи цинкографӣ)*

ци́нния *ж бот.* зиния

цино́вка *ж* бурьё

цино́вочн||ый, -ая, -ое ...и бурьё, бурьёгин; **~ая подсти́лка** фарши бурьё, бурьё

цирк *м* цирк

цирка́ч *м разг.* циркбоз, артисти цирк, бозингари цирк

цирка́чество *с разг. неодобр.* найрангбозӣ

цирково́й, -ая, -ое ... и цирк; **~ нае́здник** чопандози цирк

циркули́р||овать *несов.* 1. гирд гаштан, давр (чарх) задан; **кровь ~ует в сосу́дах** хун дар рагҳои бадан давр мезанад 2. *перен. разг.* паҳн шудан; **по го́роду ~ют слу́хи** дар шаҳр овозаҳо паҳн мешаванд 3. *разг.* рафтуомад кардан, пешу қафо рафтан, пасу пеш рафтан

ци́ркуль *м* паргор

ци́ркульн||ый, -ая, -ое 1. ... и паргор, паргорӣ; **~ая но́жка** пояи паргор 2. гирда, мудаввар, доирашакл, даврашакл; **~ый зал** толори мудаввар; **~ая пила́** арраи давратеғ

циркуля́р *м офиц.* дастур, фармон

циркуля́рный I, -ая, -ое *офиц.* дастурӣ, ... и фармон

циркуля́рный II, -ая, -ое гирда, мудаввар, доирашакл, даврашакл

циркуляцио́нн||ый, -ая, -ое 1. даврзананда, гирдгарданда, чархзананда, даврагӣ, доирагӣ; **~ое движе́ние** ҳаракати даврагӣ 2. *тех.* ... и даврзанӣ, ... и гирдгардӣ, ... и чархзанӣ; **~ые тру́бы** қубурҳои гирдгардӣ

циркуля́ция *ж* (*по знач. гл.* **циркули́ровать** 1) гардиш, даврзанӣ, чархзанӣ; **~ нагре́того во́здуха** гардиши ҳавои тафсон

ци́рлих-мани́рлих *нескл. разг.* 1. *м (жеманство, манерность)* инҷиқӣ, қиликхунукӣ, мулоимхунукӣ 2. *м, ж (о человеке)* қиликхунук, мулоимхунук, инҷиқ

цирро́з *м мед.* цирроз; **~ пе́чени** циррози ҷигар

цирю́льник *м уст.* сартарош

цирю́льня *ж уст.* сартарошхона

цисте́рн||а *ж* цистерна *(зарфи бузурги фулузӣ барои чизҳои моеъ)*; **нефтяна́я ~а** цистернаи нефт; **железнодоро́жные ~ы** цистернаҳои роҳи оҳан; **ваго́н-~а** вагон-цистерна

цисти́т *м мед.* цистит, варами масона

цитаде́ль *ж* 1. арк 2. *перен. книжн.* пуштибон, такьягоҳ, пуштупаноҳ

цита́т||а *ж* иқтибос; **приводи́ть ~ы** иқтибос овардан

цита́тный, -ая, -ое ... и иқтибос, иқтибосӣ; **~ материа́л** маводи иқтибосӣ

цита́ция *ж* иқтибосоварӣ

цитва́рн||ый, -ая, -ое: **~ая полы́нь** *бот.* дармана; **~ое се́мя** тухмии дармана

цити́рование *с* (*по знач. гл.* **цити́ровать**) иқтибосоварӣ

цити́ровать *несов. кого-что* иқтибос овардан; **~ кла́ссиков** аз классикон иқтибос овардан; **~ из статьи́** аз мақола иқтибос овардан

цити́роваться *несов. страд.* иқтибос оварда шудан

цитоло́гия *ж* цитология *(илме, ки сохт, инкишоф ва фаъолияти ҳуҷайраҳои организмро меомӯзад)*

ци́тра *ж муз.* сантор

ци́трус *м бот.* цитрус *(дарахт ё буттаи мевагӣ аз қабили лиму, апельсин ва ғ.)*

цитрусово́д *м* цитруспарвар, парварандаи ниҳолҳои цитрусӣ

цитрусово́дство *с* цитруспарварӣ

ци́трусов||ый, -ая, -ое 1. ... и цитрус, ... и цитрусӣ; **~ые насажде́ния** ниҳолҳои цитрусӣ 2. *в знач. сущ.* **цитрусовые** *мн. бот.* цитрусиҳо *(лиму, апельсин ва ғ.)*

цифербла́т *м* лавҳаи соат

цифи́рный, -ая, -ое *уст.* рақамӣ, ...и рақам, ададӣ, ...и адад

ци́фр||а *ж* рақам; адад; **ри́мские ~ы** рақамҳои римӣ; **ара́бские ~ы** рақамҳои арабӣ; **астрономи́ческие ~ы** рақамҳои азим; **контро́льные ~ы** рақамҳои қиёсӣ; **кру́глые ~ы** рақамҳои яклухт

цифра́ция *ж* (*по знач. гл.* **цифрова́ть**) рақамгузорӣ, ададгузорӣ, рақаммонӣ, ададмонӣ

цифрова́ть *несов. что* рақам (адад) гузоштан, рақам (адад) мондан

цифров||о́й, -ая, -ое рақамӣ; **~ые за́писи** қайдҳои рақамӣ; **~ые да́нные** маълумотҳои рақамӣ; **~ая вычисли́тельная маши́на** ҳисобмошини рақамӣ

ци́церо *с нескл. полигр.* цицеро *(яке аз намудҳои ҳарфи матбаа, ки андозааш 12 пункт мебошад)*

цок *межд.* 1. *звукоподр.* қарс, тақ, тиқ 2. *в знач. сказ. разг.* қарсас зад (заданд)

цо́канье I *с* 1. тақ-тақ, тиқ-тиқ; **~ копы́т** тақ-тақи суми аспон 2. чириқ-чириқ, чаҳ-чаҳ

цо́канье II *с лингв.* «ц»-гуӣ *(дар баъзе лаҳҷаҳои шимолии забони русӣ ба ҷои овози «ч»-и забони адабӣ талаффуз кардани овози «ц» мас: «чего» — «цего»)*

цо́ка||ть I *несов.* 1. қарсас задан, тaққос кардан (тақ-тақ; тиқ-тиқ); **~ют копы́та по мостово́й** сумҳои аспон дар роҳи сангфарш қарсас мезанад 2. *(о птицах, животных)* чириқ-чириқ (чаҳ-чаҳ) кардан

цо́кать II *несов.* «ц» гуфтан *(ба ҷои овози «ч»-и забони адабӣ талаффуз кардани «ц» — дар баъзе лаҳҷаҳои шимолии забони русӣ)*

цо́коль *м* 1. *архит.* пойдевор, таҳкурсӣ 2. *тех.* бун *(қисми металлии лампаи электрикӣ, ки ба патрон тофта дароварда мешавад)*

цо́кольн||ый, -ая, -ое 1. ... и пойдевор, ... и таҳкурсӣ; **~ая облицо́вка** руйфарши пойдевор (таҳкурсӣ) 2. пойдевордор, таҳкурсидор, таҳкурсинок ◇ **~ый эта́ж** таҳхонаи бино

цо́кот *м* 1. тақ-тақ, тиқ-тиқ; **~ копы́т** тақ-тақи суми аспон 2. чириқ-чириқ, чаҳ-чаҳ

цокота́ть *несов. разг.* 1. так-так (тиқ-тиқ) кардан 2. *прост. (говорить быстро, без умолку)* бидиррос задан, бидир-бидир кардан

цокоту́ха *ж прост.* лаққӣ, сергап серҷоғ

цоп *в знач. сказ. прост.* чанг задам (задӣ, зад ва ғ.)

цо́пать *несов. кого-что прост.* чанг зада гирифтан, талош карда гирифтан

цо́пнуть *сов. однокр.* **цо́пать**

цуг *м* қаторбасти аспҳои ароба

цу́гом *нареч.* 1. қаторбаст карда 2. *разг.* қатор-қатор, паси ҳам

цугу́ндер *м*: **на ~ брать (тяну́ть** *и т. п.)* *шутл.* ба ҷавобгарӣ кашидан

цукáт *м* цукат *(пӯсти шакарпарварди мева, мас. лиму, харбуза)*

цукáтный, -ая, -ое ... и цукат, цукати, цукатдор; ~ **торт** торти цукатдор

цунáми *с нескл.* цунами *(мавҷҳои азими фалокатовари уқёнус, ки дар натиҷаи зилзилаҳои сахти зериобӣ, фаолияти вулқонҳои зериобӣ ё вулқонҳои ҷазираҳо пайдо мешаванд)*; ~**-стáнция** станцияи огоҳии цунами; ~**-слýжба** умури тадқиқи цунами

цунамигéнн||ый, -ая, -ое серцунами; ~**ая зóна** минтақаи серцунами

цыгáн *м* лулӣ, ҷугӣ

цыгáне *мн.* лулиҳо, ҷугиҳо

цыгáнить *несов. что и без доп. прост.* гадоӣ кардан

цыгáнка *ж* лулизан, лулидухтар, ҷугизан, ҷугидухтар

цыгáночка *ж* 1. *ласк. к* **цыгáнка**; 2. *(пляска)* рақси лулиёна

цыгáнск||ий, -ая, -ое ...и лулӣ, ... и ҷугӣ; ~**ий язы́к** забони лулиён; ~**ие пéсни** сурудҳои лулиён

цыгáнщина *ж разг.* 1. ҷугиёна (луливор), будани сурудҳои русӣ 2. *собир.* лулиуслуб, ҷугиуслуб

цыгáны *мн. уст. см.* **цыгáне**

цы́кать *несов. прост. на кого* «хап!» («хомуш!») гуфтан

цы́кнуть *сов. однокр. к* **цы́кать**

цы́пка *ж прост.* 1. мурғ, мурғак, ҷуҷа 2. *обращ.* ҷонакам, азизакам

цы́пки *мн. (ед.* **цы́пка** *ж) разг.* шахшулӣ

цыплёнок *м* ҷуҷа; ~ **табакá** ҷуҷабирьён, ҷуҷакабоб

цыпля́тник *м* 1. *(помещение)* катаки ҷуҷаҳо 2. *обл.* калхот, ҷуҷагир

цыпля́тница *ж* 1. *обл.* *(наседка)* мокиёни курк 2. *(работница)* ҷуҷапарвар

цыпля́чий, -ья, -ье ... и ҷуҷа; ~ **пух** пари ҷуҷа; ~ **корм** дони ҷӯҷа

цы́почк||и *тк. мн.:* **на** ~**ах идти́ (ходи́ть)** бо нуги по (нуг-нуги по) гаштан; **на** ~**и встать** ба нуги по истодан

цып-цып *межд.* биҳ-биҳ-биҳ!; ту-ту-ту-ту! *(нидоест барои ҷеғ задани мурғ)*

цыц *межд. прост.* хап!, хомуш!

Ч

чабáн *м* чупон; **колхóзные** ~**ы** чупонҳои колхоз

чабáн||ий, -ья, -ье ...и чупон, чӯпонӣ; ~**ья стоя́нка** бошишгоҳи чупонҳо

чабáнить *несов.* чупонӣ кардан

чабáнск||ий, -ая, -ое ...и чупон, чупонӣ; ~**ие собáки** сагҳои чупонӣ

чабáрня *ж* хаймаи (каппаи, козаи) чупон

чáбер *м бот.* марза

чабрéц *м бот.* тимьён

чавканье *с (по знач. гл.* **чавкать)** чалп-чалп хӯрдан(и); чалп-чалп (шалп-шалп) кардан(и); *(звуки)* чалп-чалп; **грóмкое** ~ **свиней** садои баланди чалп-чалпи хукҳо; ~ **сапóг** чалп-чалпи музаҳо

чáвка||ть *несов.* 1. чалп-чалп хӯрдан 2. *(при ходьбе, езде)* шалпос кардан (задан); чалп-чалп (шалп-шалп) кардан; **под иогáми грóмко** ~**ла грязь** лой дар зери пой сахт шалпос мекард

чавы́ча *ж зоол.* озодмоҳӣ

чад *м* 1. ғубори ангишт, дуд, ғубори равғани сухта; **кýхонный** ~ бую тафти ошхона 2. *перен.* чуш, авҷ; **он как в** ~**ý** вай беҳуш барин; **в** ~**ý гнéва** дар авҷи ғазаб

чади́||ть *несов.* дуд кардан, дуд (ғубор) баровардан; **печь** ~**т** печь дуд мекунад; ~**ть махóркой** дуди ғализи махорка баровардан

чáдно 1. *нареч.* пурғубор, пурдуд 2. *в знач. сказ. безл.* пурғубор (пурдуд) аст; **в кóмнате** ~ хона пури дуд аст

чáдн||ый, -ая, -ое (**чáд|ен,** -на, -но) 1. дудкунанда, ғуборкунанда, пурғубор, пурдуд; ~**ая печь** печкаи дудкунанда; ~**ый вóздух** ҳавои пурғубор (дудолуд) 2. *перен. уст.* гич, гаранг

чáдо *с* 1. *уст. книжн. теперь шутл.* фарзанд 2. *обращ. церк.* фарзандам! *(ҳамчун муроҷиат аз тарафи руҳониён)* 3. *перен. уст. книжн.* парварда, зода

чадолюби́вый, -ая, -ое (чадолюбив, -а, -о) *уст. книжн. и шутл.* фарзанддуст, тифлдуст; ~ **отéц** падари фарзанддуст

чадолю́бие *с уст. книжн.* фарзанддустӣ

чадрá *ж* чодар, фаранҷӣ

чáдушко 1. *с ласк.* бачаҷон, фарзанди азиз, тифлак 2. *м, с разг. ирон.* бачаи гапнодаро (гарданшах), фарзанди бадфеъл, одами бадҳазм

чаевáть *несов. см.* **чаёвничать**

чаёвник *м разг.* чойхур, чойдуст

чаёвничанье *с разг. (по знач. гл.* **чаёвничать)** чойхурӣ, чойнушӣ, чойхуракон

чаёвничать *несов. разг.* чойхури карда шиштан, чойхуракон кардан

чаевóд *м* чойпарвар, мутахассиси чойпарварӣ

чаевóдство *с* чойпарварӣ

чаевóдческ||ий, -ая, -ое ...и чойпарварӣ; ~**ие совхóзы** совхозҳои чойпарварӣ

чаевы́е *тк. мн. разг.* чойпулӣ

чаёк *м ласк. к* **чай** I ◇ **на** ~ **давáть (брать, получáть** *и т. п.)* *см.* **чай** I **(на чай давать)**

чаепи́тие *с* чойхури, чойнуши

чаи́нка *ж* чубаки чой

чай I *м* 1. чой; **жи́дкий** ~ чои бенур; **зелёный** ~ чои кабуд; **кирпи́чный** ~ тахтачой; **крéпкий** ~ чои талх; **слáдкий** ~ қандчой, чои ширин; **куст чáя** буттаи чой; **плантáция чáя** чоистон, чойзор, киштзори чой; **завари́ть** ~ чой дам кардан; **разливáть** ~ чой рехта додан *(кашидан)* 2. *(чаепитие)* чойхурӣ, чойнушӣ, чойхуракон; **во врéмя чáя** дар вақти чойхӯрӣ; **за чáем, за чáшкой чáя** ҳангоми чойхӯрӣ; **пригласи́ть на чáшку чáя** ба чойхурӣ таклиф кардан; **пóсле чáя** баъд аз чойнӯшӣ ◇ **гоня́ть чай** *прост.* таранг (мурданивор) чой нӯшидан; **на** ~ **давáть (брать, получáть** *и т. п.)* чойпулӣ додан (гирифтан *ва ғ.)*

чай II *вводн. сл.* 1. *прост.* аҷаб не, иҳтимол, шояд, шояд ки, гӯё ки, аз афташ, ба хаёлам; **он,** ~, **проголодáлся** вай шояд гурусна бошад; **ты,** ~, **устáл с дорóги** аз афташ роҳкуфта шудаӣ 2. *прост. (всё-таки, ведь)* охир, охир... ку; **приезжáй к нам погости́ть,** ~, **не чужóй** марҳамат, ба хонаи мо меҳмон шуда биё, охир ту бегона не-ку

чáйк||а *ж* моҳихурак; **быстрокры́лая** ~**а** моҳихураки тезпарвоз; ~**и нóсятся над мóрем** моҳихуракҳо дар болои баҳр парвоз мекунанд

чáйная *ж* 1. чойхона, самоворхона 2. *уст. (комната)* хонаи чойхури

чáйник *м* чойник

чáйница *ж* чойдон, чойқуттӣ

чáйничать *несов. прост. см.* **чаёвничать**

чáйн||ый, -ая, -ое 1. ...и чой; ~**ый куст** буттаи чой; ~**ый лист** *собир.* барги чой; ~**ые плантáции** киштзорҳои чой, чойзорҳо, чоистонҳо; ~**ый совхóз** совхози чойпарварӣ; ~**ая промы́шленность** саноати чой; ~**ый магази́н** магазини (дукони) чойфурушӣ 2. ...и чойхурӣ; ~**ая лóжка** қошуқи чойхурӣ, чойқошуқ; ~**ая посýда** чойнику пиёла; ~**ый серви́з** як даста асбоби чойхурӣ 3. *в знач. сущ.* **чáйные** *мн. бот.* растаниҳои ҷинси чой ◇ ~**ая рóза** *бот.* гули садбарг, атргул; **чéрез час по** ~**ой лóжке** *погов.* ≈ уштурро бо кафлес об додагӣ барин

чайхана́ *ж* чойхона

чайхáнщик *м* чойхоначӣ

чакóна *ж муз.* чакона *(рақси қадими испанӣ ва мусиқии он)*

чал *м мор.* чал, арғамчини киштибандӣ

чалдóн *м обл.* чалдон *(бошандаи аслии Сибирь)*

чалдóнский, -ая, -ое *обл.* ...и чалдон; чалдонӣ; ~ **гóвор** шеваи чалдонӣ

чáлить *мор. несов. что* киштиро бастан

чалка *ж мор.* 1. *(по знач. гл.* **чалить)** киштибандӣ 2. *см.* **чал**

чалмá *ж* салла, дастор, аммома

чалмонóсный, -ая, -ое *книжн. уст.* салладор

чáлый, -ая, -ое *(о масти лошади)* бур, хокистарӣ, кабуд // *в знач. сущ.* **чáлый** *м* аспи кабуд (бур)

чан *м* чалак; **пивовáренный** ~ чалаки пивопазӣ; **дуби́льный** ~ чалаки чармгарӣ

чапы́ги *мн. (ед.* **чапы́га** *ж) обл.* *(ручки плуга)* қабзаи сипор, қабзаи омоч, дастаи сипор

чара *ж уст. поэт.* ҷом, соғар, паймона

чардаш *м* чардаш *(як навъи рақс ва мусиқии венгерӣ)*

чарк||а *ж* қадаҳ, ҷом, соғар, паймона; **налей по ~е** як қадаҳӣ май рез

чарльстон *м* чарльстон *(навъи рақси базмии америкоӣ)*

чаровать *несов. кого-что* 1. *уст.* ҷоду (сеҳр, афсун) кардан, ҷодуғарӣ (афсунгарӣ, соҳирӣ) кардан 2. *книжн.* дил рабудан, мафтун кардан; **она чарует своим голосом** вай бо овози худ мафтун мекунад

чаровник *м уст.* марди дилрабо (фаттон)

чаровница *женск. к* **чаровник**

чародей *м* 1. *уст.* ҷодугар, соҳир, афсунгар 2. *перен.* марди дилрабо (дилбар, дилфиреб, фаттон); **поэт-~** шоири сеҳрсоз

чародейка *женск. к* **чародей**

чародейный, -ая, -ое *уст. см.* **чародейственный**

чародейск||ий, -ая, -ое *книжн.* 1. ...и ҷодугар, ...и соҳир, соҳирона, афсунгарона; **~ая сила** қувваи ҷоду (ҷодугарӣ) 2. *см.* **чародейственный**

чародейственн||ый, -ая, -ое *книжн.* 1. *(обладающий магической силой)* сеҳрнок, сеҳрангез; **~ые травы** алафҳои сеҳрангез 2. *(колдовской)* ҷодугарона, афсунгарона, соҳирона

чародейство *с уст.* 1. *(колдовство)* ҷодугарӣ, афсунгарӣ, соҳирӣ 2. *(обаяние)* дилрабоӣ, фаттонӣ, мафтункунандагӣ

чародействовать *уст.* ҷодугарӣ (афсунгарӣ, соҳирӣ) кардан

чартизм *м ист.* чартизм *(ҳаракати революционии коргарони Англия дар 30—40 асри 19 барои ҳуқуқҳои сиёсӣ ва беҳтар гардонидани аҳволи моддӣ)*

чартист *м ист.* чартист, тарафдор ва пайрави чартизм

чартистск||ий, -ая, -ое ...и чартист, чартистӣ; **~ое движение** ҳаракати чартистӣ

чарующ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* мафтункунанда, дилрабоянда 2. *прил.* дилрабо, диловез, дилфиреб, ҷозибанок, мафтункунанда; **~ие звуки музыки** садои мафтункунандаи мусиқӣ; **~ая улыбка** табассуми ҷозибанок

чары *тк. мн.* 1. *уст.* ҷоду, афсун, сеҳр 2. *перен.* дилрабоӣ, дилбарӣ, дилфиребӣ, фатонат, ҷозибанокӣ

час *м* 1. *(отрезок времени)* як соат; **четверть ~а** чорьяк соат; **полтора ~а** якуним соат; **битый ~** як соати дароз; вақти дуру дароз; **опоздать на ~** як соат дер мондан; **ехать со скоростью шестьдесят километров в ~** бо суръати шаст километр дар як соат роҳ гаштан; **здесь работы всего на ~** ин фақат кори яксоатааст 2. *(время по часам)* соат; **в ~ ночи** дар соати яки шаб; **в пять ~ов утра** дар соати панҷи пагоҳӣ; **который ~?** соат чанд [шуд]?; **седьмой ~** соат аз шаш гузаштааст 3. *(время, предназначенное для чего-л.)* вақт, соат; **приёмные ~ы** соати қабул; **~ обеда** вақти наҳорӣ; **~ отдыха** вақти истироҳат (дамгирӣ); **академический ~** соати академикӣ // *мн.* **часы** *(лекции)* соатҳои дарс, дарс; **получить ~ы в институте** дар институт дарс гирифтан 4. *(время, пора)* вақт, соат; **ранний ~** пагоҳии барвақт; **поздний ~** бевақтии шаб // *книжн. (назначенный срок)* мӯҳлат, вақти муайян; **~ расплаты** соати (рӯзи) интиқом; **~ свидания** соати мулоқот, вақти вохӯрӣ 5. *тк. мн.* **часы** *воен.* қаровулӣ, навбатдорӣ; **стоять на ~ах** қаровул истодан; **смениться с ~ов** аз навбатдорӣ рафтан 6. *тк. мн.* **часы** *церк.* намуди ибодати православӣ ◊ **адмиральский ~** *уст. шутл.* вақти таҳтул; **звёздный ~** омади кор; тобидани бахт; **комендантский ~** соати комендантӣ; **мёртвый ~** хоби нисфирӯзӣ; **последний (смертный) ~** дами вопасин; **~ы пик** вақти авҷи кори нақлиёт; **~ пробил (настал)** вақташ расид (омад), вақту соаташ расид; **~ в ~** айнан дар вақташ; **~ от часу** соат ба соат; **~ от часу не легче** соат ба соат бадтар; **в добрый ~** омади кор диҳад, комьёби ёратон бод, барори кор меҳоҳем; **до этого (сего) ~а** то ин дам, то алвақт, то алҳол; **не по дням, а по ~ам расти** хеле зуд (бисьёр тез) калон шудан (сабзидан); **не ровён ~** худо накунад (нишон надиҳад), мабодо; **по ~ам** дар вақти (мӯҳлати) муайян; **с ~у на ~** 1) *(с каждым часом)* соат ба соат 2) *(в любую минуту, в ближайшее время)* дар вақти наздик, дар ҳар соат, дар ҳар дақиқа, дар дами...; **сей же ~** ҳозир, дарҳол, ҳамин соат (замон); **тем ~ом** *уст.* дар айни ҳол; **[в] тот же ~** дарҳол, ҳамон соат, ҳамон дам, ҳамон он; **через ~ по чайной ложке** *погов.* уштурро бо кафлес об додагӣ барин; **рыцарь на ~** паҳлавони ношуд, қаҳрамонтароши ношуд; **халиф (калиф) на ~** *ирон.* ҳокими дуруза

часами *нареч.* соатҳо, вақти зиёде; **он молчал ~у** соатҳо хомуш менишаст

часики *тк. мн. уменьш. к* **часы**

часовня *ж* калисои хурд

часов||ой I, -ая, -ое ...и соат; **~ая стрелка** ақрабаки соат // ...и соатсозӣ; **~ая мастерская** устохонаи соатсозӣ; **~ая промышленность** саноати соатбарорӣ ◊ **~ой (~ых дел) мастер** *см.* **часовщик**

часов||ой II, -ая, -ое 1. яксоата, яксоатина; **~ая беседа** суҳбати яксоата // *(производимый по часам)* соатбайъ; **~ая оплата** музди соатбайъ 2. *разг.* ...и соати як; **он уехал ~ым поездом** вай бо поезди соати як рафт ◊ **~ой пояс** *геогр.* минтақаи соат

часов||ой III *м* аскари қаравул (навбатдор), посбон; **поставить ~ого** қаравул мондан; **сменить ~ого** посбонро иваз кардан

-часовой *қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки ба миқдор ҳамроҳ шуда муддати муайян ва ё муҳлати муайянро ифода мекунад:* **трёхчасовой** сесоата, **шестичасовой** шашсоата

часовщик *м* соатсоз, устои соатсоз

часок *м уменьш. к* **час** 1; **зайти к товарищу на ~** ба назди рафик як соатак даромадан

часом *нареч. разг.* 1. *(порой, временами)* баъзан, гоҳ, гоҳе, гоҳо; **~ с квасом, порой с водой** *погов.* ≈ гоҳ зинсавору гоҳ зин ба пушт 2. *(кстати, между прочим)* дар омади гап, зимнан, гуфтагӣ барин; **вы ~ не меня искали?** гуфтагӣ барин шумо маро накофтед?

часослов *м церк.* часослов *(китобе, ки матнҳои баъзе ибодатҳои калисоии христианиро дар бар мегирад)*

частенько *нареч. разг.* зуд-зуд, тез-тез, ҳар замон; **он ~ к нам заходит** вай тез-тез ба хонаи мо омада меистад

частик *м* 1. *рыб. (частый невод)* тури майдачашми (майдабофти) моҳигирӣ 2. *см.* **частиковый (частиковая рыба)**

частиков||ый, -ая, -ое *рыб.* ...и тури майдачашми (майдабофти) моҳигирӣ ◊ **~ая рыба** моҳии резатур *(анвои моҳиёни хурд, ки бо тури майдабофт дошта мешавад)*

част||ить *несов. разг.* 1. тез (сахт) будан, тез (сахт) шудан; **дождь ~ит** борон сахт меборад, борон рез мекунад; **пульс ~ит** набз сахт мезанад 2. бисьёр шитофтан, шитоб кардан; **не ~и, играй медленнее** шитоб накун, оҳиста навоз; **лошадь ~ит** асп зуд меравад, асп йурға гирифт 2. бошитоб гап задан, бидиррос задан, тез-тез гап задан; **она так ~ит, что я ничего не понимаю** вай чунон бидиррос мезанад, ки ман чизе намефаҳмам

частиц||а *ж* 1. зарра; **~ы пыли** зарраҳои гард; **~ы вещества** заррахои модда 2. *перен.* қисмча, зарра, ҷузъ; **в этом нет ни ~ы правды** дар инҷо ҷузъе аз ҳақиқат нест 3. *грам.* ҳиссача 4. *физ.* ҳиссача

частичка *ж см.* **частица** 1, 2

частично *нареч.* қисман, як миқдор, як андоза, ҷузъан; **~ утративший трудоспособность** қобилияти меҳнатро қисман гумкарда; **моя работа ~ уже выполнена** кори ман як миқдор иҷро шуд; **~ вы правы** шумо қисман ҳақ ҳастед

частичн||ый, -ая, -ое (частичен, -на, -но) нопурра, нимкора, як андоза, ҷузъӣ; **~ая обработка сырья** нопурра кор карда баромадани моли хом; **~ое улучшение** як андоза беҳтаршавӣ; **~ое затмение солнца** гирифти нопурраи офтоб; **объявлять ~ую мобилизацию** сафарбарии нопурра эълон кардан

частник *м разг.* мулкдор, мулкихусусидор, соҳиби мулки хусусӣ, дукондор

частно- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «хусусӣ»:* **частнохозяйственный** ...и хоҷагии хусусӣ

частновладе́льческ||ий, -ая, -ое хусусӣ; **~ие зе́мли** амлоки хусусӣ

ча́стное *с мат.* ҳосили тақсим

частнопрактику́ющий, -ая, -ее ...и хонакори хусусӣ; **~ врач** духтури хонакори хусусӣ

частнособственническ||ий, -ая, -ое мулкпарастӣ, ...и моликиятӣ хусусӣ; **~ий укла́д** моликияти хусусӣ; **~ие настрое́ния** тамоилҳои мулкпарастӣ

ча́стност||ь *ж* 1. фавқулоддагӣ, фардият; **~ь слу́чая** фардияти ҳодиса 2. чизи ҷузъӣ, чизи майда-чуйда, ҷузъ; **не обраща́й внима́ния на ~и** ба чизҳои майда-чуйда аҳамият надеҳ ◇ **в ~и** *вводн. сл.* чунончи, аз ҷумла; хусусан

ча́стн||ый, -ая, -ое 1. ҷузъӣ; **перейти́ от о́бщих вопро́сов к ~ым** аз масъалаҳои умумӣ ба масъалаҳои ҷузъӣ гузаштан // *в знач. сущ.* **ча́стное** *с* чизи ҷузъӣ; **заключе́ние от ~ого к о́бщему** аз чизи ҷузъӣ хулосаи умумӣ баровардан 2. ғайри маъмул, тасодуфӣ, ғайри муқаррарӣ; **~ый слу́чай** ҳодисаи ғайри муқаррарӣ 3. шахсӣ; хусусӣ; **~ая перепи́ска** мукотибаи шахсӣ; **обраща́ться по ~ому де́лу** бо кори шахсӣ муроҷиат кардан; **жить на ~ой кварти́ре** иҷора нишастан; **~ые уро́ки** дарси байъӣ; **~ый зака́з** супориши хусусӣ 4. *эк.* хусусӣ; **~ая со́бственность** моликияти хусусӣ; **~ая торго́вля** савдои хусусӣ; **~ое предприя́тие** корхонаи хусусӣ ◇ **~ый дом** *ист.* идораи политсияи як қисми шаҳр; **~ое обвине́ние** *юр.* айбдоркунии хусусӣ; **~ое определе́ние** *юр.* қарори иловагӣ *(иловаи ҷузъӣ ба ҳукми суд)*; **~ый пове́ренный** *ист.* адвокат *(дар Россияи пешазреволюционӣ)*; **~ый при́став** *ист.* сардори политсияи гузари шаҳр

ча́сто *нареч.* 1. зич, ҷафс; **дере́вья поса́жены ~** дарахтон зич шинонда шудаанд 2. тез-тез, зуд-зуд; **он ~ хо́дит в кино́** у зуд-зуд ба кино меравад 3. тез-тез, муттасил, беист; **в окно́ ~ бараба́нил дождь** борон беист ба тиреза мезад

частоко́л *м* девори каторчуб, каторак

частота́ *ж* 1. зичӣ, ҷафсӣ; **~ посе́вов** зичии кишт 2. зудӣ, суръат; **~ пу́льса** суръати набз 3. *физ.* суръат; **~ колеба́ний ма́ятника** суръати лаппиши раққосак

часто́тность *ж* чандомад, такроршавандагӣ; суръати такроршавӣ; **~ употребле́ния** такроршавандагии истеъмол

часто́тн||ый, -ая, -ое ...и чандомад, ...и такроршавандагӣ; **~ые измене́ния** тағйироти такроршавандагӣ; **~ый слова́рь** луғати чандомад

частотоме́р *м эл.* суръатсанҷ

частушка *ж* частушка *(дубайти ё байти халқии ҳаҷвӣ ё лирикӣ, ки бо ҳавои шух хонда мешавад)*

част||ый, -ая, -ое (част, -а, -о) 1. зич, ҷафс; **~ый гре́бень** шонаи зичдандон; **~ая и́згородь** панҷараи зич; **~ый не́вод** тури майдабофти моҳигирӣ; **~ая решётка** панҷараи зич; **~ые поса́дки дере́вьев** каторҳои зичи ниҳолҳо; **~ый дождь** борони рез (сахт) 2. босуръат; зуд, зуд-зуд, тез, тез-тез; **~ый пульс** набзи босуръат; **~ое дыха́ние** нафаскашии кутох-кутоҳ; **~ые уда́ры** зарбаҳои пайҳам; **~ый ого́нь** *воен.* оташфишонии пайҳам 3. зуд-зуд, зудбиё; **~ый гость** меҳмони зудой; **~ые встре́чи** вохуриҳои зуд-зуд

част||ь *ж* 1. қисм, ҷузъ, ҳисса; **бо́льшая ~ь** қисми (ҳиссаи) калон; **~ь су́ток** қисми шабонаруз 2. қисм; **~и маши́ны** қисмҳои мошин; **составна́я ~ь миро́вой систе́мы** қисми таркибии системаи ҷаҳонӣ; **разобра́ть на ~и** қисм-қисм (ба қисмҳо) ҷудо кардан; **по ~ям** қисм-қисм 3. *воен.* қисм; **во́инская ~ь** қисми ҳарбӣ; **авиацио́нная ~ь** қисми авиатсионӣ 4. *лит.*, *театр.* парда; **дра́ма в трёх ~ях** драма иборат аз се парда 5. *(отдел)* шуъба, қисм; **уче́бная ~ь** қисми таълимӣ; **хозя́йственная ~ь** қисми хоҷагӣ 6. *разг.* соҳа; **его́ сын пошёл по торго́вой ~и** писари вай ба соҳаи савдо рафт 7. *ист.* гузари шаҳр; идораи политсияи як гузари шаҳр *(дар Россияи пешазрёволюционӣ)* 8. *перен. уст. (участь, судьба)* тақдир, қисмат ◇ **~и све́та** тарафҳои олам; **~и те́ла** узвҳои бадан; **~и ре́чи** ҳиссаҳои нутқ; **льви́ная ~ь** ҳиссаи хубтарин; **материа́льная ~ь** сохт; таҷҳизот; **в той ~и** ба он дараҷа, ба он андоза ки...; **по ~и, в ~и** *чего, какой прост.* дар бобати..., дар хусуси...; **э́то по мое́й ~и** ин ба ман дахл дорад; **э́то не по мое́й ~и** ин ба ман дахл надорад; **благу́ю ~ь избра́ть** *уст. и ирон.* ба қарори беҳтарин омадан; **войти́ в ~ь с ке́м-л.** *уст. и прост.* дар коре бо касе шарик шудан; **душа́ разрыва́ется на ~и** дил реш мешавад, дил об мешавад, ҷон месузад; **разорва́ться на ~и** Салими садкора шудан; **рвать на ~и кого́-л.** касеро безор кардан

ча́стью *нареч.* қисман, як дараҷа; **моде́ль сде́лана ~ из де́рева, ~ из желе́за** модель қисман аз чуб ва қисман аз оҳан сохта шудааст; **~ он прав** вай як дараҷа ҳақ аст, қисман ҳақ ба ҷониби вай аст

часы́ *тк. мн.* соат; **ручны́е ~** соати дастӣ; **сте́нные ~** соати деворӣ; **карма́нные ~** соати кисагӣ (бағалӣ); **золоты́е ~** соати тилло; **бой часо́в** занги соат; **песо́чные ~** соати регӣ; **со́лнечные ~** соати офтобӣ; **~ отстаю́т** соат ақиб мемонад; **~ вста́ли (останови́лись)** соат хоб кард; **~ спеша́т** соат пеш меравад ◇ **рабо́тать как ~** дақиқ (саҳеҳ) кор кардан

чать *частица обл. см.* **чай** II

ча́хлость *ж* 1. *(растительности)* заифӣ, пажмурдагӣ 2. *(болезненность, хилость)* носолимӣ, заифӣ, сустӣ; заифтанӣ, заифтан будан(и)

ча́хл||ый, -ая, -ое (чахл, -а, -о) 1. заиф, пажмурда; **~ые кусты́** буттаҳои заиф; **~ая расти́тельность** набототи пажмурда 2. носолим, заиф, суст; **~ый ребёнок** кудаки заифтан

чахи́||уть *несов.* 1. *(о растениях)* пажмурда шудан; **де́рево ~ет** дарахт пажмурда мешавад 2. *(о человеке)* суст (заиф) шудан, лоғар (хароб) шудан, коҳидан; **ребёнок ~ет без во́здуха** бача аз камии ҳавои тоза ранҷур мешавад

чахо́тка *ж уст. и прост.* сил, бемории сил; **горлова́я ~** сили гулу ◇ **карма́нная ~** *шутл.* бепулӣ, бепулии доимӣ, киса касал будан

чахо́точн||ый, -ая, -ое 1. *уст. и прост.* сил, силкасал, гирифтори сил; **~ый больно́й** касали сил, силкасал // *в знач. сущ.* **чахо́точный** *м* силкасал; **чахо́точная** *ж* занаки сил 2. *уст. и прост.* ...и силкасал; **~ый вид** намуди касали сил 3. *перен. разг.* заиф, пажмурда; **~ая расти́тельность** набототи заиф

ча́ш||а *ж* 1. ҷом, паймона; **~а вина́** ҷоми май; **кругова́я ~а** ҷоми давраргард 2. *(сосуд округлой формы)* коса, пиёла, зарф ◇ **~ весо́в** паллаи тарозу; **у него́ дом — по́лная ~а** рузгори вай пуру паймон аст; хонадони вай серию пурист; **пить (вы́пить, испи́ть) го́рькую ~у до дна** талхии зиндагиро чашидан; **перепо́лнить ~у терпе́ния** косаи сабр лабрез кардан; **~а терпе́ния перепо́лнилась** косаи сабр лабрез шуд; **сия́ (э́та) ~а мину́ет его́** *книжн.* ин бало аз вай ҳазар дорад

чашеви́дный, -ая, -ое (чашеви́д|ен, -на, -но) косашакл

чашели́стик *м бот.* косабаргча

чашеобра́зный, -ая, -ое (чашеобраз|ен, -на, -но) *см.* **чашеви́дный**

ча́шечк||а *ж* 1. *уменьш. к* **чаша** 2; **кофе́йные ~и** пиёлачаҳои қаҳвахурӣ 2. *бот.* косабарг ◇ **коле́нная ~а** айнаки (чашмаки) зону

ча́шечн||ый, -ая, -ое ...и коса, ...и пиёла; **~ые весы́** тарозуи дупалла

ча́шк||а *ж* косача, нимкоса, пиёла; **фарфо́ровые ~и** косачаҳои чинӣ; **вы́пить ~у ча́ю** як пиёла чой нушидан ◇ **~и весо́в** паллаҳои тарозу; **за ~ой ча́я** ҳангоми чойхурӣ; **коле́нная ~а** *см.* **ча́шечка (коле́нная ча́шечка)**; **пригласи́ть на ~у ча́я** ба чойхурӣ таклиф кардан

ча́шник *м ист.* 1. майхонадори (майкашӣ) подшоҳ *(дар Россияи асрҳои 16—17)* 2. роҳиби мутасаддии анбори май

ча́ща *ж* бешазори анбуҳ, ҷангалзор; **лесна́я ~** ҷангалзор; **~ молоды́х поса́док** ниҳолзор

ча́ще *сравн. ст. к* **ча́стый** *и к* **ча́сто**; **тепе́рь мы ста́ли ви́деться ~, чем ра́ньше** мо нисбат ба пештара ҳамдигарро тез-тез дида меистем

чащо́ба *ж разг. см.* **ча́ща**

ча́ни||е *с книжн.* орзу, умед, умедворӣ; **~я наро́да** орзую омоли халқ ◇ **паче ~я** аз ғайри чашмдошт

ча́ять *несов. уст.* 1. *(думать, полагать)* фарз кардан, пиндоштан, хаёл (гумон) кардан 2. *чего и с неопр. (надеяться, ожидать)* умед кардан, умедвор шудан (будан), орзу кардан ◇

души не ~ в ком-л. аз ҷон азизтар донистан касеро (ҷонвареро)

чва́ниться *несов.* савлатмандӣ (такаббур) кардан

чванли́во *нареч.* савлатмандона, салобатфурушона, мутакаббирона

чванли́вость *ж* савлатмандӣ, салобатфурушӣ. кибр

чванли́вый, -ая, -ое (чванли́в, -а, -о) савлатманд, салобатфурӯш, савлатпеша, пурғурур, мутакаббир; **он о́чень чванли́в** ӯ хеле мутакаббир аст

чва́нный, -ая, -ое (чван|ен, -на, -но) савлатманд, салобатфуруш, пурғурур, мутакаббир

чва́нство *с* савлатмандӣ, савлатдустӣ, салобатфурушӣ, кибр; ~ — **при́знак неве́жества** салобатфурушӣ нишонаи ҷоҳилист

чебота́рить *несов. обл.* музадузӣ (кафшдузӣ) кардан

чебота́рь *м обл.* мӯзадӯз, кафшдӯз

чёботы *мн.* (*ед.* **чёбот** *м*) *обл.* кафш

чебре́ц *м см.* **чабре́ц**

чебурахну́ть *сов. кого прост.* сахт задан, гурсос занонда задан, гумбуррос кунонда задан

чебура́хнуться *сов. прост.* гурсос задан, гулдуррос зада бархурдан, гулдуррос зада ба замин афтидан

чебуре́к *м* бичаки гуштӣ

чей *м* (**чья** *ж*, **чьё** *с*) *мест.* 1. *вопр.* аз они (моли) кӣ; **чья э́та кни́га?** ин китоб аз они кӣ? // *разг.* кӣ; **ты чей?** фарзанди (бачаи) кӣ?; **чья э́та де́вочка? — Дочь сосе́да** ин духтари кӣ? — Духтари ҳамсоя 2. *относ.:* **не по́мню, чьи э́то слова́** дар ёд надорам, ки ин суханони кист; **зна́ет ко́шка, чьё мя́со съе́ла** *посл.* ≈ дузд аз сояаш метарсад 3. *разг. (чей-либо, чей-нибудь)* аз они касе ◇ **чей бы то ни́ было** аз они ҳар кас ки бошад; **посмо́трим, чья возьмёт** мебинем, кӣ зӯр мебарояд

че́й-либо, чья́-либо, чьё́-либо *мест. неопр.* аз они ягон кас, аз они касе

че́й-нибудь, чья-нибудь, чьё-нибудь *мест. неопр. см.* **че́й-либо**

че́й-то, чья-то, чьё-то *мест. неопр.* аз они ким-кӣ, аз они кадом касе

чек *м в разн. знач.* чек; ~ **на де́ньги** чеки пул; **вы́бить** ~ чек гирифтан (занондан)

чека́ I *ж тех.* тирмех (*ки ба сурохи нӯги тири ароба ё тирҳои дигар гузаронда мешавад*); **осева́я** ~ **теле́ги** фонаи тири ароба

чека́ II *ж нескл. (чаще с прописной буквы) разг.* Чека (*Комиссияи фавқулодда, ки солҳои 1917—1922 Ҳукумати Советӣ барои мубориза и зидди контрреволюция, ҷаллобӣ, ҳаннотӣ ва коршиканӣ таъсис карда буд*)

чека́н I *м* 1. (*штемпель*) қолаб, муҳри (тамғаи) сикказанӣ 2. (*отпечаток, оттиск*) нақши сикка (муҳр); 3. (*инструмент*) исканакалам 4. *ист.* (*оружие*) гурзи болғашакл

чека́н II *м уст.* теша

чека́нить *несов. что* 1. сикка (зарб) задан; ~ **моне́ту** танга сикка задан 2. *тех.* (*клепать*) парчин кардан 3. *с.-х.* чеканка кардан; ~ **хло́пок** пахтаро чеканка кардан; ~ **виногра́д** хомток кардан ◇ ~ **слова́** равшан ва бурро гап задан, дона-дона карда гап задан; ~ **шаг** муназзам қадам партофтан

чека́нка 1. сикказанӣ, зарб задан(и); парчинкунӣ; чеканка кардан(и); ~ **моне́т** сикказании танга; ~ **заклёпочных швов** парчинкунии пайванди чизе; ~ **хлопча́тника** чеканкаи ниҳоли пахта 2. нақш; зарб; **золота́я** ~ кандакории заркубӣ

чека́нность *ж* сареҳӣ, бурроӣ; ~ **фра́зы** сареҳии ҷумла; ~ **ша́га** муназзамии қадампартоӣ

чека́нн||ый, -ая, -ое 1. (*для чеканки*) ...и сикказанӣ, ...и зарбзанӣ, ...и сикка, ...и зарб; ~**ый стано́к** дастгоҳи сикказанӣ 2. (*изготовленный чеканкой*) сиккакорӣ шуда, мазруб; ~**ая ру́чка са́бли** дастаи мазруби шамшер 3. *перен.* сареҳ, бурро; ~**ый стиль** услуби сареҳ

чека́ночный, -ая, -ое *тех.* ...и сикказанӣ, ...и зарбзанӣ, ...и сикка, ...и зарб; ~ **пресс** пресси сикказанӣ

чека́нщик *м* сикказан, зарроб

чеки́ст *м* чекист, корманди Чека, ходими Чека

чеки́стский, -ая, -ое ...и Чека, ...и чекист

чекме́нь *м* чакман

че́ков||ый, -ая, -ое ...и чек; ~**ая кни́жка** дафтарчаи чек

челе́ста *ж* челеста (*олоти мусиқии лаълишакл, ки бо зарби болғачаҳо аз онҳо савти фораме, мисли садои зангулачаҳо, мебароранд*)

чёлка *ж* 1. кокули асп 2. (*род причёски*) зулфи пешонӣ

чёлн *м* 1. завраки (қаиқи) комагӣ 2. *уст. поэт.* (*судно, ладья*) киштӣ, заврақ

челно́к *м* 1. *см.* **чёлн** 1; 2. *текст.* моку

чело́ *с* 1. *уст. книжн.* (*лоб*) пешонӣ, ҷабин 2. (*печи*) даҳанаи танур, даҳанаи оташдони рус 3. *тех.* даҳанаи печи фулузгудозӣ ◇ **бить** ~**м** *кому уст. и ирон.* 1) (*приветствовать поклоном*) таъзим кардан 2) (*просить*) илтимос (илтиҷо, тавалло) кардан 3) (*благодарить*) изҳори миннатдорӣ кардан

челоби́тная *ж ист.* илтимоснома, шикоятнома, ариза (*дар Руси Қадим*)

челоби́тчик *м ист.* илтимоскунанда, арзкунанда

челоби́тчица *женск. к* **челоби́тчик**

челоби́тье *с* 1. *уст.* таъзим, таъзими сар, саҷда 2. *ист.* додани ариза, шикоятнома; илтимоснома

челове́к *м* 1. одам, инсон, одамизод, кас, шахс, фард; **сове́тский** ~ одами советӣ; **делово́й** ~ одами кордон; **рабо́чий** ~ коргар; **га́дкий** ~ каси палид; **добре́йшей души́** ~ шахси ниҳоят меҳрубон; **злой** ~ одами бадкина (дилсиёҳ); **изве́стный** ~ одами машҳур; **тяжёлый** ~ одами бадмуомила; **у́мный** ~ одами боақл; **учёный** ~ аҳли илм, донишманд; **че́стный** ~ одами бовиҷдон; **положе́ние** ~**а в о́бществе** вазъияти инсон дар ҷамъият; **ста́ть** ~**ом** одам шудан // *в знач. единицы счёта* кас, нафар; **отря́д в три́дцать** ~ дастаи сикаса; **в ко́мнате бы́ло пять** ~ дар хона панҷ кас буд 2. *ист.* хизматгори крепостной 3. *уст.* ҳуроқбиёр, пешхизмати ресторан 4. (*некто*) як одам, касе, шахсе ◇ **молодо́й** ~! *обращ.* додар(ҷон), бародар(ҷон), писар(ҷон), ҷиян; ~ **в футля́ре** одами дар ғилоф; **бо́жий (христо́в)** ~ *уст.* қаландар

челове́ко-де́нь *м эк.* як рузи кори як одам

человеколюби́вый, -ая, -ое (человеколюби́в, -а, -о) *книжн.* инсондуст, инсонпарвар, одамдуст, башардуст

человеколю́бие *с* инсондустӣ, инсонпарварӣ, одамдустӣ, башардустӣ

человеконенави́стник *м* одамбезор

человеконенави́стнический, -ая, -ое одамбезорона, зиддибашар

человеконенави́стничество *с* одамбезорӣ

человекообра́зн||ый, -ая, -ое (человекообра́з|ен, -на, -но) одамшакл, одаммонанд, одамсурат; ~**ая обезья́на** маймуни одамшакл

человекоподо́бный, -ая, -ое (человекоподо́б|ен, -на, -но) одамшакл, одаммонанд, одамсурат

человекоуби́йство *с уст. книжн.* одамкушӣ

человекоуби́йца *м, ж уст. книжн.* одамкуш, қотил

челове́ко-ча́с *м эк.* як соати кори як кас

челове́чек *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **челове́к**; 2. одами қадпаст, одамча; **ма́ленький** ~ одамча

челове́ческ||ий, -ая, -ое 1. ...и одам, ...и одамизод, ...и инсон, одамӣ, инсонӣ; ~**ое о́бщество** ҷамъияти инсон; ~**ий труд** меҳнати одамӣ; ~**ие недоста́тки** камбудиҳои одам; **род** ~**ий** башарият, банибашар 2. одамона, одамдӯстона, инсонпарварона; ~**ое обраще́ние** муомилаи одамвор

челове́чественный, -ая, -ое *уст. книжн. см.* **челове́чный**

челове́честв||о *с* 1. банибашар, башарият; **исто́рия** ~**а** таърихи башарият; **поворо́т** ~**а от капитали́зма к социали́зму** гардиши башар аз капитализм ба ҷониби социализм 2. *уст.* (*гуманность*) инсондустӣ, инсонпарварӣ, одамдӯстӣ

челове́чий, -ья, -ье *разг.* ...и одам, одамӣ, инсонӣ

челове́чина *разг.* 1. *м, ж* одам, инсон 2. *ж* гушти одам

челове́чно *нареч.* одамона, одамвор; **он поступи́л** ~ ӯ инсонвор рафтор кард

челове́чность *ж* одамият, одамгарӣ, инсонпарварӣ

челове́чн||ый, -ая, -ое (челове́ч|ен, -на, -но) одамона, одамвор, инсонвор, инсонӣ; ~**ое отноше́ние** муносибати одамона

челюстн||о́й, -а́я, -о́е ...и ҷоғ, ...и манаҳ, ...и устухони ҷоғ (манаҳ); ~**а́я кость** устухони манаҳ; ~**о́е ране́ние** захми ҷоғ; ~**а́я опера́ция** ташреҳи устухони манаҳ

че́люсть *ж* 1. ҷоғ, устухони ҷоғ (ма-

нах); **ве́рхняя ~** ҷоғи боло; **ни́жняя ~** манаҳи поён **2.** чакаки сунъӣ, дандони ориятӣ, дандонҳои сунъӣ; **вставна́я (иску́сственная) ~** чакаки (қатордандони) сунъӣ **3.** *тех.* шиканҷа *(детали механизм, ки барои маҳкам доштан ва ё барои майда кардани чизе ба кор меравад)*

челяди́н *м ист.* чокар, нукар, пешхизмат, хизматгори хонаву ҳавлӣ

че́лядь *ж собир.* **1.** чокарон, нукарон, пешхизматон, хизматгорони хонаву ҳавлӣ *(дар Россияи крепостной)* **2.** *перен. пренебр.* лаганбардорҳо, косалесон, чоплусон

чем I *союз* **1.** *сравн. (нежели)* назар ба, нисбат ба; **в э́том году́ урожа́й вы́ше, ~ в про́шлом году́** назар ба соли гузашта имсол ҳосил фаровонтар аст; **лу́чше по́здно, ~ никогда́** *погов.* дер ояду дуруст ояд; дер ояду шер ояд **2.** *(вместо того чтобы)* ба ҷои он ки; ба ҷои...; **~ торопи́ться, вы́йдем лу́чше ра́ньше** ба ҷои шитоб кардан, беҳтар ки барвақттар бароем **3.** *в составе сложного союза* **чем..., тем...** ҳар қадар ки... ҳамон қадар; **~ вы́ше мы поднима́лись в го́ры, тем станови́лось холодне́е** ҳар қадар ки мо баландтар ба кӯҳ мебаромадем, ҳаво ҳамон қадар хунуктар мешуд; **~ бо́льше, тем лу́чше** ҳар қадар зиёд бошад, ҳамон қадар беҳтараст ◇ **~ свет** субҳдам, саҳар; **пре́жде ~, ра́ньше ~** пеш аз он ки

чем II *тв. от* что

чембу́р *м* нухтаи асп

чемери́ца *ж бот.* чемерица *(навъи растании заҳрдори марғзор, ки бехи ғафсу гулҳои хушамонанд дорад)*

чемода́н *м* чамадон, ҷомадон; **ко́жаный ~** ҷомадони чармӣ; **уложи́ть ве́щи в ~** чизҳоро ба ҷомадон андохтан ◇ **сиде́ть на ~ах** омодаи сафар будан, рахти сафар бастан

чемода́нн||ый, -ая, -ое ...и чамадон, ...и ҷомадон; **~ый замо́к** қулфи ҷомадон ◇ **~ое настрое́ние** *шутл.* омодаи сафар, сафар пир шудагӣ

чемпио́н *м* чемпион; **~ по пла́ванию** чемпиони шиноварӣ; **~ ми́ра по ша́хматам** ҷаҳончемпиони шоҳмотбозӣ; **абсолю́тный ~** чемпиони мутлақ

чемпиона́т *м* чемпионат; **ша́хматный ~** чемпионати шоҳмотбозон

чемпио́нка *ж* чемпиондухтар, чемпионзан

чемпио́нск||ий, -ая, -ое ...и чемпион; **~ое зва́ние** унвони чемпион

чемпио́нство *с* чемпионӣ; **завоева́ть ~** унвони чемпионӣ гирифтан

чепе́ *с нескл. разг.* (чрезвыча́йное происше́ствие) ҳодисаи фавқулодда

чепе́ц *м* кулута, кулоҳи гушакдори занона; кулутаи гушакдори бачагона

чепра́к *м (подстилка под седло)* арақчини зин

чепух||а́ *ж разг.* **1.** сафсата, ёва, ҳарза, музахраф; **он говори́т ~у́** вай сафсата мехонад, вай сафсатагӯӣ мекунад **2.** чизи беҳуда, чизи бекора, якпула чиз (гап); **вме́сто того́, что́бы рабо́тать, он занима́ется ~о́й** ба ҷои он ки кор кунад, вай бо кори беҳуда машғул аст ◇ **~а́ на по́стном ма́сле** *разг.* дуруғи аҳмақона, дурӯғи шохдор, гапи беҳуда (пуч)

чепухо́вина *ж прост. см.* чепуха́

чепухо́в||ый, -ая, -ое *прост.* **1.** бемазмун, фаҷ, пуч, бемаза; **~ый расска́з** ҳикояи бемаза **2.** ночиз, андак, саҳл; **ко́лка дров — для меня́ ~ое де́ло** хезумшиканӣ барои ман кори саҳл аст

че́пчик *м см.* чепе́ц

че́рва I *ж собир. пчел.* зочаҳои занбӯри асал

че́рва II *ж прост. см.* **че́рви**

червеобра́зный, -ая, -ое **1.** кирммонанд, кирмшакл **2.** *в знач. сущ.* **червеобра́зные** *мн. зоол.* кирмшаклҳо

че́рв||и *мн. (ед.* **че́рва** *ж прост.) карт.* таппон; **ходи́ть с ~е́й** бозиро аз таппон сар кардан, аз таппон гаштан

черви́ве||ть *несов.* кирм [пайдо] кардан, кирмзада шудан; **я́блоки ~ют** себҳо кирм пайдо мекунанд

черви́вость *ж* кирмкардагӣ, кирмзадагӣ, кирмхурдагӣ

черви́в||ый, -ая, -ое (черви́в, -а, -о) кирмзада, кирмин, кирмхурда, кирмкарда; **~ый гриб** занбуруғи кирмкарда; **~ое я́блоко** себи кирмхӯрда

черви́ть *несов. пчел.* тухм мондан *(оид ба занбӯри асал)*

червлёный, -ая, -ое *уст.* арғувонӣ, қирмизӣ, сурхи баланд

черво́вый, -ая, -ое *карт. разг.* ...и таппон; **~ туз** тузи таппон

черво́иеть *несов. уст. и обл.* арғувонӣ (қирмизӣ, сурх) шудан (намудан, тофтан)

черво́нец *м уст.* даҳсума (**1.** *пули коғазии даҳсумӣ* **2.** *дар Россияи подшоҳӣ — тангаи тиллоӣ* даҳсумӣ)

черво́нн||ый I, -ая, -ое **1.** *уст.* қирмизӣ, сурх, арғувонӣ; **~ое вино́** май арғувонӣ; **~ое зо́лото** тиллои сурх **2.** *в знач. сущ.* **черво́нный** *м* червонец, червон

черво́нн||ый II, -ая, -ое ...и таппон; **~ая да́ма** моткаи таппон

червото́чина *ж* **1.** ҷои кирмхурда (кирмзада); **~ в де́реве** ҷои кирмхурдаи дарахт; **~ в я́блоке** ҷои кирмзадаи себ **2.** *(повреждение червями, насекомыми)* кирмхурда шудан(и), кирмзада шудан(и) **3.** *перен.* нуқсон, айб; **в его́ душе́ завела́сь кака́я-то ~** дилаш ғаш гирифтааст (беқарор аст)

че́рвы *тк. мн. см.* **че́рви**

черв||ь *м* кирм; кирмак; **дождево́й ~ь** кирми боронӣ, лойхурак; **коро́бочный ~ь** кирми ғуза; **пло́ские ~и** кирми паҳн; **шелкови́чные ~и** кирмаки пилла ◇ **~ь тоски́** аламн муштоқӣ (пазмонӣ); **~ь раска́яния** алами пушаймонӣ; **меня́ гло́жет ~ь сомне́ния** диламро гургон тала мекунанд

червя́к *м* **1.** *см.* **червь**; **2.** *тех.* мурватчарх *(чархи дандонадори мурватшакл)* ◇ **замори́ть ~а́** *см.* **червячо́к (замори́ть червячка́)**

червя́чн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и мурватчарх; **~ое колесо́** чархи мурвати, мурватчарх

червяч||о́к *м уменьш.-ласк. к* червь ◇ **замори́ть ~ка́** нафсро аллондан, шушбанд шудан

черда́к *м* чердак *(зери тораки бом, болои сақфи хона дар зери боми дупушта)*

черда́чн||ый, -ая, -ое ...и чердак; **~ое окно́** даричаи чердак

череви́ки *мн. (ед.* **череви́к** *м)* пойафзоли соқдори занона *(дар Украина)* // *обл.* пойафзоли чармин

череви́чки *мн. (ед.* **череви́чек** *м) уменьш. к* **череви́ки**

черёд *м* **1.** *разг.* навбат; **в свой ~** *прост.* дар навбати худ

черед||а́ I *ж* **1.** *уст. см.* **черёд** 1; **2.** *уст.* табдил, иваз, паи ҳам омадан(и), навбат ба навбат омадан(и); **дни шли уны́лой ~о́й** рӯзҳои дилгиркунанда паси ҳам мегузаштанд **3.** қатор, силсила; **маши́ны дви́жутся несконча́емой ~о́й** корвони мошинҳо пай дар ҳам мегузаранд ◇ **идти́ свое́й ~о́й** *уст. см.* **черёд (идти́ свои́м ~о́м)**

черед́а II *ж бот.* череда *(як навъ растании ботлоқии гулҳояш зард)*

чередова́ние *с (по знач. гл.* **чередова́ть)** табдил додан(и), иваз (паи ҳам) кардан(и); *(по знач. гл.* **чередова́ться)** табдил ёфтан(и), иваз (паи ҳам) шудан(и)

чередова́ть *несов. кого-что с кем-чем* навбат ба навбат кардан, табдил додан, иваз (паи ҳам) кардан; **~ труд с о́тдыхом** меҳнатро бо истироҳат андар ҳам кардан

чередова́||ться *несов.* навбат ба навбат шудан, табдил ёфтан, иваз (паи ҳам) шудан; **мать и дочь ~лись, дежу́ря у посте́ли больно́го** модару духтар бо навбат дар назди бистари бемор иваз мешуданд (навбатдорӣ мекарданд)

че́рез *предлог с вин.* **1.** аз, аз миёни..., аз байни..., аз болои...; **перейти́ ~ у́лицу** аз куча гузаштан, кӯчаро бурида гузаштан; **перепра́виться ~ ре́ку** аз дарьё гузаштан (убур кардан); **наш дом ~ доро́гу** хонаи мо дар он тарафи роҳ аст; **мост ~ ре́ку** пули дарьё **2.** *(сквозь)* аз, аз пушти, аз он тарафи; **смотре́ть ~ стекло́** аз пушти шиша нигоҳ кардан; **пропусти́ть мя́со ~ мясору́бку** гуштро аз гушткимакунак гузарондан **3.** аз болои...; **переле́зть ~ забо́р** аз болои девор гузаштан; **пры́гать ~ верёвочку** аз болои арғамчин ҷастан; **смотре́ть ~ плечо́** аз болои китф нигоҳ кардан **4.** *(сверх, выше)* ба зур, ҷаброна, аз ҳад зиёд (фузун); **идти́ ~ си́лу** ба зӯр роҳ гаштан; **бить ~ край** ҷушидан, дар авҷ будан; **ведро́ напо́лнилось ~ край** сатил лабрез шуд **5.** *(с помощью, при посредстве)* ба воситаи..., бо; **переда́ть письмо́ ~ прия́теля** мактубро ба воситаи рафиқ фиристодан; **объясня́ться ~ перево́дчика** ба василаи тарҷумон ба ҳамдигар фикр баён кардан; **оповести́ть ~ газе́ту** дар газета маълум кардан **6.** *(спустя какое-л. время)* баъд аз, пас аз; **я приду́ ~ час** ман баъд аз як соат меоям // *(минуя)* баъд аз;

~ две остановки баъд аз ду истгоҳ 7. баъд аз, пас аз; ба фосилаи..., бо; **принимать лекарство ~ каждые два часа** доруро пас аз ҳар ду соат хурдан; **печатать ~ два интервала** як хат дар миён чоп кардан

черемисы *мн. уст. см.* **марийцы**

черёмуха *ж бот*. маҳлаб *(дарахтест гулҳояш сафеди хушбӯй ва меваҳояш сиёҳ)*

черёмуховый, -ая, -ое ...и маҳлаб

черёмушник *м* маҳлабзор

черемша *ж бот.* сири (саримсоки) даштӣ

черенкование *с (по знач. гл.* **черенковать)** қаламча кардан(и), қаламчашинонӣ

черенковать *несов. что сад.* қаламча кардан, (шинондан); **~ розы** гул қаламча кардан

черенков||ый, -ая, -ое 1. ...и даста, ...и қабза; **~ая часть ножа** дастаи (қабзаи) корд 2. *сад.* ...и қаламча, қаламчагӣ; **~ая яблоня** дарахти себи қаламчагӣ

черенок *м* 1. даста, қабза; **~ ножа** дастаи корд 2. *сад.* қаламча

череп *м* 1. косаи сар, косахонаи сар; **~ лошади** косаи сари асп 2. сар; **лысый ~** сари тос

черепах||а *ж* 1. *зоол.* сангпушт; **сухопутная ~а** сангпушти даштӣ 2. *(пластинки панциря)* косаи сангпушт; **изделия из ~и** маснуот аз косаи сангпушт ◇ **как ~а идти (плестись, тащиться)** сангпуштвор роҳ гаштан

черепаховый, -ая, -ое *(из черепахи)* ...и сангпушт, сангпушти ...и гушти сангпушт, ...и косаи сангпушт; **~ суп** шӯрбои гушти сангпушт; **~ гребень** шонаи сангпушти

черепаш||ий, -ья, -ье 1. ...и сангпушт, сангпушти; **~ий панцирь** косаи сангпушт 2. *перен.* сангпуштвор, ниҳоят суст; **идти ~ьим шагом** сангпуштвор роҳ гаштан

черепашка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **черепаха**; 2. *с.-х.* кашафкана

черепица *ж* 1. *собир.* сафоли бомпушӣ 2. як тахтаи сафоли бомпушӣ

черепичн||ый, -ая, -ое ...и сафоли бомпушӣ; **~ый завод** заводи сафоли бомпушӣ; **~ая крыша** боми тахтаи сафолпуш

черепн||ой, -ая, -ое 1. ...и косаи сар, ...и косахонаи сар; **~ые кости** устухонҳои косаи сар 2. *в знач. сущ.* **черепные** *мн. зоол.* косасарон **~ая коробка** *анат.* косахонаи сар

черепно-мозгов||ой, -ая, -ое ...и майнаи сар; **~ые нервы** асабҳои майнаи сар

черепок *м* сафолак, сафолпора, хазаф

черепушка *ж прост.* булулак; хурмача; зарфчаи сафолӣ

чересполосица *ж* замини қартадармиён, замини порчадармиён *(замини хусусӣ, ки дар байн порчаҳои замини каси дигар бошад)*

чересполосность *ж* мавҷудияти порчаандарӣ (қартаандарӣ) дар замин, порчадармиён будани замин

чересполосн||ый, -ая, -ое ...и порчаандар, порчадармиён, қартаандар; **~ые поля** саҳрои қартаандар

чересседельник *м* тиркиш *(як қисми афзоли аспу ароба)*

чересседельн||ый, -ая, -ое 1. ...и тиркиш, тиркишӣ; **~ый ремень** тасмаи тиркиш, тиркиштасма 2. *(приторочённый с двух сторон седла)* ...и фитрок; **~ая сума** хурҷин

чересчур *нареч.* аз ҳад зиёд; беандоза, беҳад; **вода ~ горячая** [ин] об аз ҳад зиёд гарм аст; **~ много говорить** аз ҳад зиёд сухан гуфтан ◇ **это уж ~!** инаш аз ҳад зиёд, инаш бемазаги!

черешнев||ый, -ая, -ое 1. ...и гелос, гелосӣ; **~ые сады** боғҳои гелос; **~ая косточка** донаки гелос; **~ая трубка** чубуқи гелос; **~ое варенье** мураббои гелос

черешня *ж (дерево)* дарахти гелос; *(плод)* гелос

черешок *м* 1. *бот.* қаламча 2. *см.* **черенок** 1

черкануть *сов. однокр. прост. см.* **черкнуть**

черкать, чёркать *несов. что и без доп.* 1. *см.* **черкнуть** 1; 2. *разг. (зачёркивать)* хат задан, кур кардан

черкес *м* черкас

черкеска *ж* камзули камарчаспи (камарборики) кафкозӣ

черкесский, -ая, -ое ...и черкасҳо, ...и черкас, черкасӣ; **~ язык** забони черкасӣ

черкесы *мн.* черкасҳо

черкешенка *ж* черкасдухтар, черкасзан

черкн||уть *сов. однокр.* 1. *что по чему, обо что* харошидан, задан; **лодка ~ула по камню** заврак ба санг бархурда гузашт 2. *что кому (написать наспех)* шарт-шурт навиштан; **~й несколько слов по приезде** баробари расидан як ду калима (ду даҳан) хат навис

чернавка *ж уст. разг.* зан (духтари) сабзина (гандумгун)

чернение *с (по знач. гл.* **чернить** 1, 3) ранги сиёҳ додан(и), сиёҳ кардан(и); саводкорӣ кардан(и); **~ ткани** *уст.* матоъро ранги сиёҳ додан; **~ серебра** саводкорӣ кардани нуқра

чернён||ый, -ая, -ое ...и саводкорӣ, саводкоришуда; **~ое серебро** нуқраи саводкоришуда

чернеть *ж зоол.* чирак, мурғобӣ

черне||ть *несов.* 1. *(становиться чёрным)* сиёҳ шудан 2. *(видняться — о чёрном)* сиёҳ (сиёҳча) тофтан; **впереди ~ет лес** аз пеш бешазор сиёҳ метобад

чернеться *несов. см.* **чернеть** 1

чернец *м уст. (монах)* роҳиб

черника *ж* 1. *(кустарник)* черника *(буттаи ҷангалҳои шимол, ки мевааш монанди ангури сагак аст)* 2. *собир. (ягоды)* меваи черника

чернила *тк. мн.* сиёҳӣ; **фиолетовые ~** ранги бунафш; **писать ~ми** бо сиёҳӣ навиштан ◇ **симпатические ~** сиёҳии махфинависӣ

чернильница *ж* давот, сиёҳдон

черниль||ый, -ая, -ое 1. ...и сиёҳӣ; **~ое пятно** доғи сиёҳӣ 2. *ирон.* руикоғазӣ, руидафтарӣ ◇ **~ая душа** *уст., шутл.* коғазбоз, расмиятчӣ; **~ый карандаш** қалами химиявӣ (рангӣ); **~ый орешек** *бот.* бузғуҷ

чернить *несов.* 1. *что уст.* сиёҳ кардан, ранги сиёҳ додан; **~ сукно** мовутро сиёҳ кардан; **~ усы** муйлабро сиёҳ кардан 2. *кого-что перен.* бадном кардан, туҳмат задан 3. *что уст.* саводкорӣ кардан; **~ серебряные изделия** маснуоти нуқрагиро саводкорӣ кардан

черница I *ж уст. (монахиня)* роҳиба

черница II *ж обл. см.* **черника**

черничество *с уст.* роҳибӣ, роҳибият

черничник *м* черниказор, буттазори черника

черничн||ый, -ая, -ое ...и черника; **~ый куст** буттаи черника; **~ое варенье** мураббои черника

черно= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «сиёҳ»:* **черноголовый** сиёҳсар; **черноволосый** муйсиёҳ, сиёҳмуй

чёрно-бел||ый, -ая, -ое сиёҳу сафед; **в ~ом изображении** дар тасвири мукаррарӣ (сиёҳу сафед)

чернобородый, -ая, -ое сиёҳриш, ришсиёҳ

чернобровый, -ая, -ое (чернобров, -а, -о) абрусиёҳ, қошсиёҳ, сиёҳабри, сиёҳқош

чернобурка *ж разг.* 1. рубоҳи бури сиёҳтоб 2. муинаи бури сиёҳтоб

черно-бурый, -ая, -ое (чернобур, -а, -о) бури сиёҳтоб; **черно-бурая лиса** рубоҳи бури сиёҳтоб

чернобыль *м разг. см.* **чернобыльник**

чернобыльник *м бот.* явшон, дармана

черновик *м* мусаввада, сиёҳнавис, хомнавис

чернов||ой, -ая, -ое 1. мусаввада, сиёҳнавис; **~ые записи** мусаввада, кайдҳои сиёҳнавис, хомнавис 2. *в знач. сущ.* **черновая** *ж уст. (черновик)* мусаввада 3. хомакӣ; аввал, аввалин; **~ая репетиция** машқи аввалин 4. *разг.* иловагӣ, ёрирасон; **~ой труд** корҳои ёрирасон 5. *тех.* ...и коркарди хомакӣ 6. *тех. (с примесью — о металлах)* омехта, омехтадор; **~ая медь** миси омехтадор

черноволосый, -ая, -ое (черноволос, -а, -о) муйсиёҳ, сиёҳмуй

черноглазый, -ая, -ое (черноглаз, -а, -о) сиёҳчашм, чашмсиёҳ

черногорец *м* черногориягӣ

черногорка *ж* зани (духтари) черногориягӣ

черногорский, -ая, -ое ...и Черногория

черногорцы *мн.* черногориягиҳо *(аҳолии асосии Черногория)*

черногривый, -ая, -ое (черногрив, -а, -о) ёлсиёҳ

чернозём *м* сиёҳхок

чернозёмн||ый, -ая, -ое ...и сиёҳхок; **~ая почва** замини сиёҳхок; **~ые степи** даштҳои сиёҳхок

черноклён *м бот.* фарки сиёҳ

чернокни́жие *с уст.* ҷодугарӣ, афсунгарӣ, соҳирӣ

чернокни́жник *м уст.* ҷодугар, соҳир, афсунгар

чернокни́жный, -ая, -ее *уст.* ...и ҷодугарӣ, ...и соҳирӣ, ...и афсунгарӣ, афсунгарона

черноко́жий, -ая, -ее (чернокож, -а, -е) сиёҳпуст

черноку́дрый, -ая, -ое (чернокудр, -а, -о) сиёҳму; он ки муи сиёҳи ҷингила дорад

черноле́сый, -ая, -ое ...и ҷангали (бешаи) дарахтони пахнбарг

черноле́сье *с* ҷангали (бешаи) дарахтони пахнбарг

чернолицый, -ая, -ее (чернолиц, -а, -е) сиёҳрӯ; гандумгун

черномазый, -ая, -ое (черномаз, -а, -о) *разг.* 1. *(смуглый)* гандумгун, сабзина 2. *(грязный, чумазый)* чиркин

черноо́кий, -ая, -ое (черноок, -а, -о) *поэт. см.* **черноглазый**

чернорабо́чий *м* коргари беихтисос

черноризец *м уст. (монах)* роҳиб

чернорубашечник *м* куртасиёҳ *(лақаби фашистони италиявӣ, ки куртаи сиёҳ мепӯшиданд)*

чернослив *м собир.* олукоқ, олуи хушк

черносморо́диновый, черносмородиновый, -ая, -ое ...и қарақот, қарақотӣ; ~ **куст** буттаи қарақот

черносо́тенец *м ист.* 1. черносотенчӣ *(узви ташкилоти «чёрная сотня»)* 2. иртиҷопарасти ашаддӣ

черносотенный, -ая, -ое 1. ...и черносотенчиҳо; ~ **организация** ташкилоти черносотенчиҳо 2. ...и иртиҷопарасти ашаддӣ

черносо́тенство *с* черносотенчигӣ

черносо́шный, -ая, -ое *ист.* хироҷгузор, андоздеҳ; ~ **крестьянин** деҳқони хироҷгузор

черносто́п *м см.* **черното́п**

чернота́ *ж* 1. сиёҳӣ, сиёҳтобӣ, тирагӣ, сиёҳфомӣ; ~ **глаз** сиёҳии чашм 2. торикӣ, зулмот; ~ **но́чи** торикии шаб 3. *перен.* нософии ботин (замир); ~ **души́** дилсиёҳӣ, ботинсиёҳӣ ◇ ~ **под глазами** кабудии зери чашм

черната́л *м бот.* сиёҳбед, беди сиёҳ

чернотроп *м охот.* тиразаминӣ *(мавсими тирамоҳ пеш аз боридани барф ва инчунин роҳе, ки онро барф напушида бошад)*

черну́шка *ж* 1. *бот.* сиёҳдона *(навъе аз набототи кабудгул, ки тухмаш ҳамчун доруворӣ ба кор меравад)* 2. занбуруғи сиёҳ 3. *разг. (о женщине, девушке)* зани (духтари) сабзинаи сиёҳмуй ва сиёҳчашм

чёрн||ый, -ая, -ое (чёрен, черна, черно́) 1. сиёҳ, сиёҳфом, сиёҳранг; ~**ые во́лосы** муи сиёҳ; ~**ая кра́ска** ранги сиёҳ; ~**ое пла́тье** куртаи сиёҳ; ~**ый хлеб** нони сиёҳ; ~**ая ночь** шаби тор; ~**ое не́бо** осмони тира 2. *перен.* сиёҳ, торик, бад, бадқасд; ~**ые мысли** андешаҳои бад; ~**ое подозре́ние** гумони бад; ~**ые силы реа́кции** қувваҳои бадқасди иртиҷоӣ; ~**ая за́висть** бухлу ҳасад; ~**ая неблагода́рность** курнамакӣ; ~**ые** замыслы қасдҳои душманона 3. *в знач. сущ.* **чёрные** *мн.* донаҳои (муҳраҳои) сиёҳ *(дар шоҳмот)* // *в знач. сущ.* **чёрное** *с (об одежде)* либоси сиёҳ; **ей идёт** ~**ое** ба вай либоси сиёҳ мезебад // *в знач. сущ.* **чёрный** *м,* **чёрная** *ж* сиёҳпуст, занги 4. партов; ~**ый ход** дари (роҳи) партов 5. сиёҳ, ғайриихтисосӣ; ~**ая рабо́та** кори сиёҳ 6. *уст. (курной)* сиёҳ, дудзада, бемурӣ; ~**ая изба́** хонаи сиёҳ, хонаи бемурӣ; ~**ая ба́ня** ҳаммоми бемурӣ 7. *ист.* андозии давлатӣ; ~**ые зе́мли** заминҳои андозии давлатӣ 8. *уст.* омӣ, ...и авом; ~**ый наро́д** халқи авом 9. *дар таркиби номҳои баъзе ҳайвонот ва наботот:* ~**ый медве́дь** хирси сиёҳ; ~**ая сморо́дина** қарақот; ~**ый у́голь** ангишт ◇ ~**ая би́ржа** биржаи пинҳонӣ (махфӣ); ~**ая бу́ря** хокбурон; ~**ый день** рузи мабодо, рузи ҳоҷат, рузи мусибат; ~**ое де́рево** обнус; ~**ая доска́** тахтаи сиёҳ *(тахтае, ки дар вай номҳои гунаҳгорон навишта мешавад)*; ~**ое духове́нство** роҳибони парҳезгор *(руҳониёни православӣ, ки тарки алоиқи дунё мекунанд, риёзат мекашанд)*; ~**ое зо́лото** тиллои сиёҳ, нафт; ~**ая кость** ом; ~**ый лес** бешаи дарахтони пахнбарг; ~**ая ма́гия** оҷизӣ; ~**ая меланхо́лия** молихулиёи сахт; ~**ые мета́ллы** фулузоти сиёҳ; ~**ая не́мочь** *уст.* бемории саръ; ~**ая смерть** *уст. (чума)* тоун; ~**ые со́тни** *ист.* черносотенчиён, гуруҳҳои авбошони мусаллаҳ *(дастаҳои мусаллаҳи иртиҷоии харобовар дар Русияи подшоҳӣ, ки зидди яҳудиён ва муқобили ҳаракатҳои революционии солҳои 1905—1907 мубориза мебурданд)*; ~**ые спи́ски** руйхатҳои одамони хавфнок; **держать кого-л. в** ~**ом те́ле** ба касе зулм кардан, касеро хору зор кардан; **называ́ть бе́лое** ~**ым** ширро сиёҳ гуфтан; **принима́ть бе́лое за** ~**ое** ширро сиёҳ пиндоштан; ~**ая ко́шка пробежа́ла ме́жду ни́ми** дар байни онҳо хунукӣ афтид; ~**ым по бе́лому написа́ть (сказа́ть)** сарех (аён, возеҳ) навиштан (гуфтан)

чернь *ж* 1. саводкорӣ 2. *уст. презр. перен.* авом

черня́вый, -ая, -ое (черняв, -а, -о) *прост.* сиёҳмуй

черпа́к *м* обгардон, чойгардон кафлез

черпа́лка *ж разг.* обгардон, чойгардон

черпа́льн||ый, -ая, -ое ...и кашидан, ...и обкашӣ; ~**ая маши́на** мошини обкашӣ

че́рпание *с* (*по знач. гл.* **че́рпать**) кашидан(и), кашида гирифтан(и)

че́рпа||ть *несов. что* 1. кашидан, гирифтан, бардоштан; ~ **во́ду ковшо́м** бо обгардон об кашидан; **ло́дка** ~**ет бортом** об лаппида ба қаиқ медарояд 2. *перен.* гирифтан, хосил кардан; ~**ть сведе́ния из первоисто́чников** аз сарчашмаҳои асосӣ маълумот ба даст даровардан

черпну́ть *сов. однокр. к* **че́рпать** 1; ~ **воды** як бор об гирифтан

черстве́||ть *несов.* 1. хушк (қоқ) шудан; **хлеб** ~**ет** оби нон мегурезад, нон хушк мешавад 2. *перен.* дилсард (хунсард) шудан

чёрствость *ж* 1. хушк шудан(и) нон, гурехтани оби нон 2. *перен.* дилсардӣ, хунсардӣ; ~ **души́** дилсардӣ

чёрств||ый, -ая, -ое (чёрств, -а, -о) 1. обгурехта, хушк, қоқ; ~**ый хлеб** нони хушк (обаш гурехта) 2. *перен.* дилсард, хунсард; ~**ый челове́к** одами дилсард; ~**ая душа** дили сахт

чёрт *м* 1. иблис, шайтон 2. *бран.* лаънатӣ 3. *в знач. нареч.* **чёртом** *прост.* шермардона ◇ ~ **возьми́ (подери́)!** *бран.* сабил монад!, бало занад!; ~ **дёрнул (дёрнет)** *кого с неопр. прост.* чӣ бало зад, чӣ бало шуд, ки...; ~ **занёс** *кого прост.* аз кадом гур омад, роҳашро гум карда омад; ~ [**его́**] **зна́ет,** ~**-те что** (**ско́лько** *и т. п.*) *прост.* худо медонад; **он говори́т** ~ **зна́ет что** кай донам ки чӣ мегуяд; ~ **зна́ет что** [**тако́е**] надонам, ин чӣ бало! ин чӣ бетартибӣ; ~ **с тобо́й (с ва́ми** *и т. п.*) *бран.* ҷаҳаннам, садқаи сарам; ~**а лы́сого** *прост.* хобатро ба об гуй, хестӣ, ки хобат будааст; ~**а с два** *бран.* ҳаргиз не!, асло не!, номаъқул кардӣ!; **до** ~**а** 1) *(очень сильно)* мурданивор; **уста́л до** ~**а** мурданивор монда шудам 2) аз ҳад зиёд, бисёр; **я́блок там до** ~**а** дар он ҷо себ аз ҳад зиёд аст; **к** ~**у, ко всем чертя́м** *бран.* 1) *(прочь, долой)* гум шав!, дафъ шав!, нест шав! 2) *(прахом, вдребезги)* сарнагунсор рафт, бар бод рафт; **всё полете́ло к** ~**у** ҳамаи кор бар бод рафт, расвои кор баромад 3) *в знач. усил. частицы* аз куҷо, чӣ хел; **како́й он к** ~**у специали́ст!** чи хел вай мутахассис будааст, мутахассиси гур; **на кой** ~ *бран.* чӣ даркор!; **ни черта** *прост.* ҳеҷ чиз; **ни черта́ не понима́ю** *прост.* ҳеҷ чиз намефаҳмам; **ни к** ~**у не годи́тся** *прост.* ба як пули сиёҳ (пучак) намеарзад!; **что за** ~! *прост.* ин чӣ бало буд; **чем** ~ **не шу́тит** одам ҳодис, раваду шавад, аҷаб нест ки...; **ему́** [**сам**] ~ **не брат** *прост.* одами зур, худаш подшоҳ — табъаш вазир; [**сам**] ~ **но́гу (го́лову) сло́мит** сари ҳисоби ин кор гум; **у** ~**а на рога́х (на кули́чках)** *прост.* дар кимкадом гур, дар ким-куҷо; **бежа́ть как** ~ **от ла́дана** *от кого-чего прост.* мурданивор тарсида гурехтан; **одному́** ~**у изве́стно** кӣ медонад?, худо медонад; **в ти́хом о́муте че́рти во́дятся** валвалакон лаб-лаби бом, фис-фисакон кора тамом, каждуми таҳи бурьё; **не́ было печа́ли,** [**так**] **че́рти накача́ли** *прост.* бе дарди саре нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам; **не так стра́шен** ~, **как его́ малю́ют** *посл.* ~ тарсончак чор чашм дорад

черт||а *ж* 1. *(линия)* хат, раҳ; **провести** ~**у́** хат (раҳ) кашидан 2. *(граница)* ҳудуд, доира, сарҳад; **пограни́чная** ~**а́** хатти сарҳад; **в** ~**е́ го́рода** дар доираи шаҳр 3. *чаще мн.* **черты** тарҳ; ~**ы лица́** тарҳи руй 4. *перен.* аломат,

нишона, хислат, хусусият; ҷиҳати махсус; **~ы хара́ктера** нишонаҳои хислат; **~ы но́вого челове́ка** хусусияти одами нав ✧ **~а́ осе́длости** *ист.* худуди маҳкумӣ *(дар Россияи подшоҳӣ — доирае, ки дар беруни он истиқомат кардани яҳудиён манъ буд)*; **после́дняя ~а́** ҳадди охирин; **в о́бщих ~а́х** умуман

чертёж *м* нақша, тарҳ; **~ зда́ния** нақшаи бино; **начерти́ть ~** тарҳ кашидан; **~ в карандаше́** нақшаи бо қалам кашидашуда, нақшаи қаламӣ

чертёжник *м* нақшакаш

чертёжница *ж* занаки нақшакаш, нақшакашдухтар

чертёжн||ый, -ая, -ое 1. ...и нақшакашӣ, ...и тарҳкашӣ; **~ая доска** тахтаи нақшакашӣ **2.** *в знач. сущ.* **чертёжная** *ж* хонаи тарроҳӣ

чертёнок *м разг.* **1.** шайтонча **2.** *(о шалуне, озорнике)* шайтонча, аҷинача; балоча, шух **3.** *бран.* шайтон ✧ **чертеня́та в глаза́х у кого́-л.** чашмонаш бозӣ мекунанд

чёртик *м разг. см.* **чертёнок** I ✧ **допи́ться до ~ов** мурданивор маст шудан, масти лояқал шудан

черти́ть *несов. что* **1.** хат (рах) кашидан; **~ окру́жность** доира кашидан; **~ па́лкой по земле́** бо чӯб дар руи замин хат кашидан // *(по воде)* шинокунон обро буридан *(дар бораи қаиқ ва киштиҳо)* // *(в воздухе)* ҳаворо парида буридан *(оид ба қанотҳои парранда ва самолет)* **2.** нақша кашидан; тарҳ кашидан; **~ план до́ма** нақшаи хонаро кашидан; **~ ка́рту** харита кашидан

чёртов, -а, -о 1. ...и шайтон, шайтонӣ **2.** *прост. бран.*: **~ сын** шайтонбача, шайтонзода; **~а ку́кла** шайтондухтар; **~а пе́речница** кампири ҷалоҷин, момои иблис **3.** *прост.* лаънатӣ, сабилмонда; **~ дождь идёт с са́мого утра́** борони лаънатӣ пагоҳӣ боз меборад **4.** *прост.* сахт; **~а боль** дарди беҳад сахт, дарди бад; **~а уста́лость** хастагии сабилмонда **5.** *прост. со словами, обозначающими большое количество* беҳадду ҳисоб; **ди́чи в тех леса́х ~а у́йма** дар он бешазорҳо сайд беҳадду ҳисоб аст **6.** *кисми таркибии баъзе номҳои халқии ҳайвонот ва наботот*: **~о де́рево** шайтондарахт ✧ **~а дю́жина** адади наҳс, сездаҳ; **~а ко́жа** пусти иблис *(матои ғафси сердошт)*

черто́вка *ж прост.* занаки шайтон

черто́вски *нареч. разг.* аз ҳад зиёд, бисьёр; **он ~ силён** у дев барин зур аст; **ему́ ~ везёт** корди у ҳамеша болои равған аст; **я ~ уста́л** ман мурданивор монда шудам; **мне сего́дня ~ хо́чется есть** иштиҳоям имруз қозғир аст

черто́вск||ий, -ая, -ое 1. ...и шайтон, ...и иблис, шайтонӣ **2.** *разг.* аз ҳад зиёд, ниҳоят дараҷа; **~ая си́ла** қуввай ниҳоят дараҷа зиёд; **~ая рабо́та** кори ниҳоят сахт

чертовщи́на *ж* **1.** *собир.* ҷинният, девият **2.** *перен. разг.* бурду бало; **вся́кая ~ в го́лову ле́зет** ҳар бурду бало ба ёд меояд

черто́г *м уст. поэт.* кушк, қаср; сарой

чертополо́х *м бот.* хори каррок

чертополо́ховый, -ая, -ое ...и хори каррок; ...и гиёҳҳои часпандаи хордор

чёрточка *ж* **1.** *уменьш. к* **черта́** 1, 3, 4; **2.** рахча

чертыха́нье *с разг.* ҳақорати (дашномхои, калимаи) «шайтон»дор

чертыха́ться *несов. разг.* калимаи «шайтон»-ро бо дашном омехтан

чертыхну́ться *сов. однокр. к* **чертыха́ться**

чертя́ка *м, ж прост.* **1.** *см.* **чёрт**; **2.** *одобр.* [у] балое; **хи́трый он, ~!** у шайтони бекафшу маҳсӣ

черче́ни||е *с* нақшакашӣ; **уро́к ~я** дарси нақшакашӣ

чеса́лка *ж* ғозкунак, асбоби наддофӣ

чеса́льный, -ая, -ое ...и ғозкунак, ...и наддофӣ; титкунӣ; **~ стано́к** дастгоҳи наддофӣ

чеса́льщик *м* наддоф, тинг-тингчӣ

чеса́льщица *ж* наддофа, наддофдухтар, занаки тинг-тингчӣ

чеса́ние *с (по знач. гл.* **чеса́ть** 1, 2, 3) хориш; шона кардан(и), шона задан(и); наддофӣ, ғозкунӣ; **~ воло́с** шона кардани муй; **~ льна** ғозкунии лифи зағирпоя

чёсанки *тк. мн. обл.* музаҳои намадии тибитдор

чёсан||ый, -ая, -ое ғоз кардашуда, наддофӣ кардашуда; **~ый лён** зағирпояи ғоз кардашуда ✧ **~ые ва́ленки** *см.* **чёсанки**

чеса́ть *несов.* **1.** *что и без доп.* хоридан; **~ спи́ну** пуштро хоридан **2.** *что* шона кардан; **~ во́лосы** муйро шона кардан **3.** *что (чесалкой, щеткой и т. п.)* наддофӣ (ғоз) кардан; **~ лён** зағирпояро ғоз кардан; **~ хло́пок** пахтаро ғоз кардан **4.** *что и без доп. прост.* бо дилу ҷон (бо рағбат) кореро кардан; **он вошёл в круг и ну ~ гопака́** вай ба миёнаҷой баромада рақси гопакро бо рағбати том иҷро кард ✧ **~ заты́лок (в заты́лке)** пушти сар хоридан; **~ язы́к (языко́м)** газофгуӣ кардан

чеса́ться *несов.* **1.** худро хоридан; **соба́ка че́шется** саг худро мехорад **2.** хоридан, хориш кардан; **у него́ спина че́шется** тахтапушташ мехорад **3.** *разг.* муи худро шона кардан **4.** *страд.* хорида шудан; шона карда шудан; наддофи (ғоз) карда шудан ✧ **у меня́ ру́ки че́шутся** 1) дастҳоям хориш мекунанд, дастҳоям касеро зан мегӯянд 2) дастҳоям кор талаб мекунанд; **язы́к че́шется у кого́-л.** забонаш мехорад

чёска *ж (по знач. гл.* **чеса́ть** 3) наддофӣ (ғоз) кардан(и)

чесно́к *м* саримсоқ, сир

чесноко́вый, -ая, -ое *см.* **чесно́чный**

чесно́чн||ый, -ая, -ое ...и саримсоқ, ...и сир; **~ый за́пах** буи саримсоқ // саримсоқдор; серсаримсоқ; **~ая подли́вка** хуриши серсаримсоқ

чесо́тк||а *ж* **1.** *(болезнь)* хоришак, қутур; **зарази́ться ~ой** гирифтори дарди (касалии) хоришак шудан **2.** *разг. (зуд)* хориш

чесо́точный, -ая, -ое ...и хоришак, ...и қутур; **~ зуд** хориши қутур // *в знач. сущ.* **чесо́точный** *м* бемори хоришшуда, касали хоришдор ✧ **~ клещ** *см.* **зу́день**

че́ствование *с* **1.** *(по знач. гл.* **че́ствовать)** табрик кардан(и); **2.** ҷашни табрик, маросими табрик; маросими тантана; **устро́ить ~ юбиля́ру** маросими муборакбодии соҳибҷашнро барпо кардан

че́ствовать *несов. кого* **1.** бо тантана табрик кардан, ҷашни табрик барпо кардан; **~ юбиля́ра** соҳибҷашнро табрик кардан **2.** *уст. (величать)* номидан, бо номи падар номидан

че́ствоваться *несов. страд.* табрик карда шудан

чести́ть *несов. кого* **1.** *разг.* дашном (хори) додан, беобру кардан **2.** *уст.* ҳурмат (иззат) кардан **3.** *уст. см.* **че́ствовать** 2

че́стно *нареч.* виҷдонан, содиқона, аз руи виҷдон; **~ труди́ться** виҷдонан меҳнат кардан; **~ поступи́ть** аз руи виҷдон амал кардан

честн||о́й, -ая, -ое *уст.* **1.** соф ва содиқ; ҳазрат. домулло; **~о́й оте́ц** падари дуогуй (муроҷиат ба руҳонӣ) **2.** ...и маросими расмӣ **3.** мухтарам, иззатманд; **~ые го́сти** меҳмонони мухтарам ✧ **~а́я компа́ния** *шутл.* гурӯҳи ҳамтабақон, гурӯҳи ҳамқадаҳҳо; **мать ~а́я!** *в знач. межд. прост.* уху, маззаку!, уху, гумбур-ку!, во аҷабо!

че́стность *ж* бошарафӣ, бовиҷдонӣ, дурусткорӣ; софдилона будан(и), бошарафона будан(и); **~ наме́рений** бошарафона будани ниятҳо

че́стн||ый, -ая, -ое (че́ст|ен, -на́, -но) **1.** бошараф(она), бовиҷдон, софдил(она), боинсоф(она), ҳалолкор; **~ый челове́к** одами бовиҷдон; **~ый посту́пок** рафтори бошарафона; **~ое отноше́ние к де́лу** муносибати софдилона ба кор; **~ый за́работок** бозьёфти ҳалол **2.** *тк. полн. ф.* нек; **~ое и́мя** номи нек **3.** *уст.* боисмат, боиффат, покдоман, маъсум(она) ✧ **~ое сло́во!** ба ростӣ, ба виҷдонам; ба худо!; **держа́ться на ~ом сло́ве** ба муе банд шуда истодан

честолю́бец *м неодобр.* мансабпараст, шуҳратпараст; иззатталаб

честолюби́вый, -ая, -ое (честолюби́в, -а, -о) шуҳратпараст; иззатталаб, мансабпараст(она); **он ~ челове́к** у одами шуҳратпараст аст

честолю́бие *с* шуҳратпарастӣ; иззатталабӣ, мансабпарастӣ

чест||ь I *ж* **1.** ору номус, шарафу номус, виҷдон; **де́ло ~и** кори виҷдон; **береги́ ~ь смо́лоду** шарафу номуси худро аз овони ҷавонӣ нигоҳ дор **2.** шараф, шаън, [мояи] ифтихор; **~ь страны́** ифтихори мамлакат; **~ь фла́га** шарафи байрақ **3.** номи нек, некномӣ; **заде́ть чью-л. ~ь** ба иззати нафси касе расидан **4.** бакорат, исмат, иффат, покдоманӣ; **потеря́ть ~ь** иффатро гум кардан **5.** ҳурмат, эҳтиром, иззат, обру; **э́то**

для меня большая ~ь ин барои ман шарафи бузург аст // *уст.* (*почетное звание*) номи фахрӣ ◇ **в ~ь кого́-чего́-либо** ба шарафи касе, чизе; **к ~и чьей-л.** ба ҳурмати касе; **к ~и его́ сле́дует заме́тить, что ...** хубии у дар он аст, ки ...; **по ~и** ба ростӣ; **по ~и сказа́ть** *в знач. вводн. сл. уст.* рости гап ин ки ... **~ь ~ью, ~ь по ~и** аз руи қоида; он тавр, ки мебоист; **де́лать ~ь кому́-л.** обруи касеро бардоштан, касеро лоиқи ҳурмат кардан; **э́то де́лает ~ь ва́шему вку́су** ин аз хубии салиқаи шумо шаҳодат медиҳад; **отдава́ть ~ь** 1) *кому воен.* саломи низомӣ додан 2) *кому-чему* (*воздать почести*) арзи эҳтиром кардан; **пора́ (на́до) и ~ь знать** 1) бас аст, кофист 2) иззати нафси худро донистан даркор; вакти рафтан (хайру хуш) расид; **проси́ть ~ью** ба нағзӣ пурсидан, бо забони хуш илтимос кардан; **принадлежи́т ~ь кому́-л.** махсуси шарафи касе аст; **~ь откры́тия чего́-л. принадлежи́т кому́-л.** шарафи кашфи чизе ба касе тааллуқ дорад; **была́ бы ~ь предло́жена** таклиф карда шуд-ку, бас аст; **~ь и ме́сто** *кому уст.* 1) марҳамат кунед, бинишинед; 2) мо аз ташрифи шумо хушнудем; **ва́ша ~ь** *уст.* ҷаноби (ҳазрати) шумо; **~ь име́ю сообщи́ть вам, что** ба маълумоти ҷанобашон мерасонам, ки...; **~ь име́ю кла́няться** *уст.* хуш бошед!, саломат бошед!

честь II *несов. уст.* эътироф кардан, ҳисоб кардан, шумурдан, донистан

честь III *несов. что уст. и обл.* хондан

чесуча́ *ж текст.* чучунча (*навъи матои абрешимӣ*)

чесучо́вый, -ая, -ое ...и чучунча; ~ **костю́м** костюми чучунча

чёт *м разг.* ҷуфт ◇ ~ **и не́чет** (*игра*) «ҷуфт-мӣ тоқ» (*бозӣ*)

чета *ж уст.* 1. ҷуфт, як ҷуфт; **супру́жеская** ~ зану шавҳар 2. *в знач. нареч.* **чето́й** *уст.* ҷуфт-ҷуфт ◇ **не** ~ *кому-чему* муносиб не, мувофиқ нест

четве́рг *м* панҷшанбе ◇ **по́сле дождичка в** ~ кай ки думи шутур ба замин расад, рӯзи ҳафтшанбе; аз қоқи нав

четвере́ньк||и *тк. мн. разг.*: **на ~ах** гавак кашида; **на ~ах ползать (ходи́ть)** гавак кашидан, гавак кашида рафтан

четвери́к *м уст.* 1. четверик (*ченаки махсуси ҳаҷми чизҳои пошхурандаи қадимаи рус, ки баробари 26, 239 литр аст*) 2. (*упряжка из четырёх лошадей*) фойтуни (аробаи) чораспа

четвёрка *ж* 1. (*цифра*) чорӣ, чортагӣ, [рақами] чаҳор // *разг.* (*троллейбус, автобус и т. д.*) троллейбуси чорум 2. (*группа*) чор кас, чор нафар, чор адад; ~ **бойцо́в** чор нафар ҷанговар; ~ **самолётов** чор адад самолёт 3. (*отметка*) баҳои чор, чор 4. *карт.* чорӣ, картаи чорхолдор, чорхол 5. (*упряжка из четырёх лошадей*) фойтуни (аробаи) чораспа 6. (*четырёхвесельная лодка*) қайиқи чорбела

четверн||о́й, -ая, -о́е чорбаробара, чорқабата, чоркарата; **в ~о́м разме́ре** чор баробар зиёд (калон); **~ая цена́** кимати чорчанд

четверня́ *ж разг.* (*упряжка из четырёх лошадей*) аробаи чор (чаҳор) аспа

че́твер||о *числ. собир.* чорта, чор, чор адад, чор кас (нафар); **~о** **дете́й** чор бача; **~о су́ток** чор шабонаруз; **есть за четверы́х** хуроки чор касро хурдан

четверо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «чор»:* **четверокла́ссник** талабаи синфи чорум (чаҳорум)

четверокла́ссник *м* талабаи синфи чорум (чаҳорум)

четверокла́ссница *ж* толибаи синфи чорум (чаҳорум)

четвероку́рсник *м* студенти курси чорум (чаҳорум)

четвероку́рсница *ж* студенткаи курси чорум (чаҳорум)

четверonóг||ий, -ая, -ое 1. чорпо; **~ие живо́тные** ҳайвоноти чорпо 2. *в знач. сущ.* **четвероно́гое** *с* чорпо

четверости́шие *с* рубой

четвёрочник *м разг.* талабаи чорхон

четверта́к *м уст.* чорьяки сум, чорьяксум, бисту панҷ тин

четверти́на *ж прост.* чорьяк, аз чор як ҳисса; ~ **бара́на** чорьяки гӯсфанд

четверти́нка *ж прост.* 1. *уменьш. к* **четверти́на**; ~ **я́блока** чорьяки себ 2. (*бутылка водки*) шишачаи чорьякии арақ

четверти́чный, -ая, -ое *геол.* ...и давраи чорум; ~ **пери́од** давраи чорум

четвёртка *ж уст.* (*четвёртая часть чего-л.*) чорьяк // (*четверть фунта*) чорьяки қадоқ // (*четвёртая часть бумажного листа*) чорьяки варақ

четвертн||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и чорьяк; чорьяки; **~ы́е оце́нки** баҳоҳои чорьяк(ӣ) 2. *уст.* биступанҷсумӣ, биступанҷсума; **~а́я ассигна́ция** *и в знач. сущ.* **четвертна́я** *ж* [пули қоғазии] биступанҷсума

четвертова́ние *с* (*по знач. гл.* **четвертова́ть**) чорпора кардан(и) (*тарзи қатл, ки аввал дасту пойҳоро ва баъд калларо аз тан ҷудо мекарданд*)

четвертова́ть *несов. кого ист.* чорпора кардан

четвертова́ться *несов. страд.* чорпора карда шудан

четверту́шка *ж уменьш.-ласк. к* **че́тверть** *и к* **четвёртка**

четвёртый, -ая, -ое 1. *числ.* чорум; **на ~ день** рузи чорум 2. *в знач. вводн. сл.* **четвёртое** *с уст. и разг.* **в-четвёртых** чорум (чаҳорум) ин ки...

че́тверт||ь *ж* 1. чорьяк; **~ь я́блока** чорьяки себ; **~ь го́да** чорьяки сол; **~ь ча́са** чорьяки соат, чорьяксоат; **без ~и два** чорьяк кам ду; **~ь оди́ннадцатого** соат даҳу понздаҳ дақиқа; соат даҳу чорьяк 2. (*часть учебного года*) чорьяк, чорьяки соли таҳсил; **пе́рвая ~ь** чорьяки якум 3. *муз.* чорьяки нотаи бутун 4. *ист.* селитрӣ, селитра (*ченаки моеъ, ки тақрибан баробари се литр аст*) // (*бутыль ёмкостью 3 л*) шишаи селитрӣ 5. *ист.* четверт (*ченаки қадимаи ҷисмҳои пошхуранда, ки тақрибан баробари 210 литр аст*); **~ь овса́** як четверт ҷав 6. *ист.* четверт (*ченаки қадимаи рус, ки тақрибан баробари чорьяки аршин аст*) 7. *ист.* четверт (*ченаки қадимаи масоҳати замин, ки баробари 1,5 десятина аст*)

четвертьфина́л *м спорт.* чорьякфинал, чорьяки финал, чаҳорьякфинал

четвертьфина́льн||ый, -ая, -ое *спорт.* ...и чорьякфинал, чорьяки финал; **~ые состяза́ния** мусобиқаи чорьяки финал

чётки *тк. мн.* тасбеҳ; **перебира́ть** ~ тасбеҳ гардондан

чётк||ий, -ая, -ое (чёток, четка́, чётко) 1. мураттаб, муназзам; **~ий шаг** кадампартоии низомиёна 2. равшан, сареҳ, возеҳ; бурро, хоно; **~ое изображе́ние** тасвири сареҳ; **~ий по́черк** хати хоно; **~ая речь** нутқи бурро 3. аниқ, муайян, равшан; **~ая формулиро́вка** ифодаи аниқ 4. мунтазам; **~ая рабо́та** кори мунтазам

чётко *нареч.* 1. батартиб, аниқ, возеҳ; бурро, хоно; ~ **выполня́ть гимнасти́ческие упражне́ния** машқҳои гимнастикиро аниқ иҷро кардан; **го́ры ~ вырисо́вываются на фо́не си́него не́ба** кӯҳҳо дар заминаи пардаи осмони кабуд равшан метобанд; ~ **писа́ть** хоно навиштан; ~ **произноси́ть слова́** калимаҳоро бурро талаффуз кардан 2. аниқ; равшан, возеҳ; ~ **сформули́ровать вы́воды** хулосаҳоро равшан ифода кардан 3. мунтазам; ~ **рабо́тать** мунтазам кор кардан

чёткость *ж* 1. мунтазамӣ, муназзамӣ; мураттабӣ; ~ **движе́ний** мунтазамии ҳаракатҳо 2. равшанӣ, возеҳӣ, сареҳӣ; хоноӣ, бурроӣ; ~ **очерта́ний** сареҳии тарҳ; ~ **по́черка** хоноии хат; ~ **ре́чи** бурроии нутқ 3. аниқӣ, равшанӣ, возеҳӣ; ~ **формулиро́вок** аниқии ифодаҳо 4. мунтазамӣ; ~ **рабо́ты** мунтазамии кор

чётность *ж* ҷуфтӣ; ~ **чи́сел** ҷуфтии ададҳо

чёт||ный, -ая, -ое ҷуфт; **~ое число** адади ҷуфт

четы́р||е 1. *числ.* чор, чаҳор; **два́жды два — ~е** ду карат ду — чор; **я был там ~е ра́за** ман дар он ҷо чор бор будам 2. (*отметка*) баҳои чор; **получи́ть ~е** баҳои чор гирифтан ◇ **в ~ёх стена́х сиде́ть (жить)** андаруни чордевор нишастан (зистан); **игра́ть в ~е ру́ки** дукаса навохтан; **убира́йся на все ~е сто́роны!** чор тарафат қибла!

четы́режды *нареч.* 1. чор бор, чор карат, чаҳор дафъа; ~ **орденоно́сный заво́д** заводи чор ордендор 2. чор карат (*дар ҳисоб*); ~ **четы́ре — шестна́дцать** чор карат чор — шонздаҳ

четы́реста *числ.* чорсад, чаҳорсад

четырёх- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба маънои «дорои чор чизи ё нишонаи якхела» оянд:* **четырёхгоди́чный** чорсола; **четырёхэта́жный** чорқабата, чаҳортабақа

четырёхвёсельн||ый, четырёхвёсельн||ый, -ая, -ое чорбела; **~ая ло́дка** қайиқи чорбела

четырёхголи́чный, -ая, -ое чорсола; ~ **курс** курси чорсола (чаҳорсола)

четырёхгодова́лый, -ая, -ое *см.* четырёхле́тний

четырёхголо́с||ый, -ая, -ое чоровоза; **~ое пе́ние** сурудхонии (хониши) чорқаса (чаҳоровоза)

четырёхгра́нник *м мат.* чорруя, чорқирра

четырёхгра́нный, -ая, -ое чорруя, чорқирра; ~ **штык** найзаи чордама

четырёхдне́вн||ый, -ая, -ое чорруза; **~ая пое́здка** сафари чорруза

четырёхкра́тн||ый, -ая, -ое чорбаробар, чоркаратӣ, чоркарата; **в ~ом разме́ре** ба андозаи чорбаробар; **~ый чемпио́н** чемпиони чоркарата

четырёхле́тие *с* 1. *(срок)* чор сол, чорсола; **после́днее ~** чорсолаи охир 2. *(годовщина)* чорсолагӣ, чаҳорсолагӣ

четырёхле́ти||ий, -яя, -ее чорсола; **~яя разлу́ка** ҷудоии чорсола; **~ий ребёнок** бачаи чорсола (чаҳорсола)

четырёхме́сти||ый, -ая, -ое чорқаса; **~ая пала́тка** хаймаи чорқаса (чаҳорҷоя)

четырёхме́сячный, -ая, -ое чормоҳа; ~ **переры́в в рабо́те** танаффуси чормоҳа дар кор; ~ **ребёнок** кудаки чормоҳа

четырёхпа́лый, -ая, -ое *(о руке)* чорангушт; *(о лапе)* чорпанҷа

четырёхпо́лье *с с.-х.* чоркишт, чорнавбат *(тарзи кишти замин, ки бо навбат чор хел ҳосил гирифта мешавад)*

четырёхпо́льный, -ая, -ое ...и чоркишт; ~ **севооборо́т** киштгардони чоркишт

четырёхсло́жн||ый, -ая, -ое *лингв.* чорҳиҷо, чорҳиҷоӣ; **~ое сло́во** калимаи чорҳиҷо (чаҳорҳиҷо)

четырёхсотле́тие *с* 1. *(срок)* чорсадсола, муддати чорсад сол; **проше́дшее ~** чорсадсолаи гузашта 2. *(годовщина)* чорсадсолагӣ; ~ **со дня рожде́ния** чорсадсолагии ҷашни таваллуд

четырёхсотле́тний, -яя, -ее чорсадсола; ~ **юбиле́й** ҷашни чорсадсолагӣ

четырёхсо́тый, -ая, -ое *числ.* чорсадум; ~ **но́мер** шумораи чорсадум

четырёхсто́пный, -ая, -ое *лит.* чоррукна; ~ **стих** шеъри чоррукна

четырёхсторо́нн||ий, -яя, -ее 1. чортарафа, чорҷониба 2. чорҷиҳата, бо иштироки чор тараф; **~ее соглаше́ние** созишномаи чорҷиҳата

четырёхта́кти||ый, -ая, -ое 1. *муз.* чорзарб; **~ая па́уза** исти (фосилаи) чорзарб 2. *тех.* чортакта; **~ый дви́гатель** муҳаррики чортакта

четырёхты́сячный, -ая, -ое 1. *числ.* чорҳазорум; ~ **экземпля́р** нусхаи чорҳазорум 2. чорҳазорӣ, чорҳазора; ~ **тира́ж** тиражи чорҳазора; ~ **отря́д** дастаи чорҳазора 3. *разг.* чорҳазорсумӣ, чорҳазорсума; ~ **брасле́т** дастпонаи чорҳазорсума (чаҳорҳазорсума)

четырёхуго́льник *м мат.* чоркунҷа, чоргуша, мураббаъ

четырёхуго́льный, -ая, -ое чоркунҷа, чоргуша, мураббаъ; ~ **стол** мизи чоргуша (чаҳоркунҷа)

четырёхэта́жный, -ая, -ое чорқабата, чорошьёна; ~ **дом** хонаи чорқабата

четы́рнадцатый, -ая, -ое *числ.* чордаҳум; ~ **эта́ж** қабати чордаҳум

чех *м* чех

чеха́рда *ж* 1. *(игра)* ҷаҳҷаҳак *(як хел бозӣ, ки иштироккунандагони он бо навбат аз болои якдигар ҷаҳида мегузаранд)* 2. *перен. разг.* зуд-зуд ивазшавӣ, ҳарҷумарҷӣ; **министе́рская ~** зуд-зуд иваз шудани вазирон

че́хи *мн.* чехҳо

чехли́ть *несов. что воен.* ҷилд пушондан, пушондан; ~ **ору́дия** тӯпро ҷилд пӯшондан

чехо́л *м* ғилоф, ҷилд, лифофа; **чемода́н в чехле́** ҷомадони ҷилддор

чехо́нь *ж (рыба)* чехонь *(навъи моҳии карп)*

чечеви́ц||а *ж* 1. *(растение)* наск, адас 2. *(семена)* наск; **суп из ~ы** шурбои наск

чечеви́чн||ый, -ая, -ое ...и наск, ...и адас; **~ые посе́вы** киштҳои наск; **~ый суп** шурбои наск ◇ **промени́ть на ~ую похлёбку, прода́ться за ~ую похлёбку** ба андак ришва фурухта шудан

чече́н *м* чечен

чече́нка *ж* чечендухтар, чечензан

чече́нский, -ая, -ое ...и чечен, ...и чеченӣ; ~ **язы́к** забони чеченӣ

чече́нцы *мн.* чеченҳо *(яке аз халқҳои Кавказ)*

чечётка *ж* 1. *зоол.* чуғурчуқ *(навъи паррандаи хурд аз ҷинси гунҷишк)* 2. *перен. разг.* зани серҷоғ 3. *(танец)* чечётка *(навъи рақс)*

че́шка *ж* зани чех, чехдухтар

че́шский, -ая, -ое ...и чехҳо, чехи; ~ **язы́к** забони чехи

чешуекры́лые *мн. зоол.* пулакчаболҳо *(навъи ҳашарот, ки шапалак ҳам аз оилаи он аст)*

чешу́йка *ж* 1. *уменьш. к* **чешуя́**; 2. *разг.* пулакча 3. *зоол.* пулакчаи болҳои шапалак **ва** дигар ҳашарот

чешу́йчат||ый, -ая, -ое 1. пулакчадор, пулакчанакш; **~ая змея́** мори пулакчанакш 2. пулакчашакл, пулакчамонанд; **~ая кора́ де́рева** пусти пулакчашакли дарахт 3. *в знач. сущ.* **чешу́йчатые** *мн. зоол.* пулакчадорон

чешуя́ *ж* пулакча; **ры́бья ~** пулакчаи моҳӣ

чи́бис *м зоол.* шорак

чиви́канье *с разг. см.* **чили́канье**

чиви́кать *несов. разг. см.* **чили́кать**

чиви́кнуть *сов. разг. однокр. к* **чиви́кать**

чиги́рь *м* чиғир, дули обкашӣ, ғарғара

чиж *м зоол.* саъва

чи́жик *м* 1. *уменьш.-ласк. к* **чиж**; 2. *(игра)* чиллакбозӣ; *(палочка для игры)* чиллак

чи́зель *м с.-х.* чизель, заминнармкунак

чий *м бот.* қаҷак *(алафи даштии Осиёи Марказӣ ва атрофи он)*

чик *межд.* 1. *звукоподр.* чиқ *(чиққоси кутоҳи ягон чизи металлӣ)* 2. *в знач. сказ. разг.* чиққи кардан, чиққос задан; **он взял но́жницы, чик — и отре́зал материа́л** у қайчиро гирифту матоъро чиққи [карда] бурид

чи́кать *несов. разг.* чиқ-чиқ кардан, чиққос задан; ~ **но́жницами** қайчӣ чиққос занондан

чи́каться *несов. с кем-чем и без доп. прост. (канителиться)* андармон шудан

чи́кнуть *сов.* 1. *однокр. к* **чи́кать**; 2. *что и без доп. разг.* шарти (чиққи) буридан

чили́га *ж бот.* чилға *(ақоқиёи зард)*

чили́ец *м* чилигӣ

чили́йка *ж* чилигидухтар, зани чилигӣ

чили́йский, -ая, -ое ...и Чили, чилигӣ, ...и чилигӣ

чили́йцы *мн.* чилигиҳо, аҳолии Чилӣ

чили́канье *с разг. (звуки)* чириқ-чириқ

чили́кать *несов. разг.* чириқ-чириқ кардан, чириққӣ задан

чили́кну||ть *сов. однокр. к* **чили́кать**; **~л воробе́й** гунҷишк [як бор] чириққӣ кард

чин *м* 1. рутба, мансаб, мартаба; **высо́кий ~** рутбаи олӣ (баланд); **ни́жний ~** *уст. воен.* рутбаи поёнӣ; **офице́рский ~** унвони офицерӣ; **быть в ~а́х** соҳиби мансаб будан, дорои мартаба будан 2. амалдор, мансабдор; **~ы суде́бного ве́домства** мансабдорони идораҳои адлия 3. *уст. книжн. тк. ед.* тартибу қоида, расму оин ◇ **кла́ссные ~ы** *юр.* рутбаҳои ходимони прокуратура; **без ~о́в** *шутл.* бетакаллуфона; **по ~у** аз рӯи мансаб; **~ ~ом, ~ по ~у** аз рӯи қоида; чунон ки бояду шояд

чина́р *м*, **чина́ра** *ж бот.* чинор

чина́ров||ый, -ая, -ое ...и чинор; **~ые оре́хи** чилғузаҳои чинор

чи́ненный, -ая, -ое (чи́нен, -а, -о) *прич.* норгишуда, дарбеҳшуда; соз кардашуда, таъмиршуда

чинён||ый, -ая, -ое *разг.* ямоқин; **~ая о́бувь** пойафзоли ямоқин

чини́ть I *несов. что* 1. таъмир (дуруст) кардан; дарбеҳ (руфу, ямоқ) кардан; соз кардан; ~ **бельё** либоси тагро ямоқ кардан; куртаю эзорро дарбеҳ кардан; ~ **ту́фли** кафшро поргӣ кардан; ~ **часы́** соатро соз кардан; ~ **замо́к** қулфро дуруст кардан 2. тез кардан, тарошидан; ~ **карандаши́** қаламро тез кардан

чини́ть II *несов. что* ба вуҷуд овардан, сохтан; ~ **препя́тствия** монеа сохтан

чини́ться I *несов. страд.* таъмир (дуруст) карда шудан; ямоқ (дарбеҳ) карда шудан; соз карда шудан; тез карда шудан

чини́ться II *несов. страд.* ба вуҷуд оварда шудан, сохта шудан

чини́ться III *несов. уст. (церемониться)* такаллуф (сертакаллуфӣ) кардан, такаллуф ба кор бурдан

чи́нк||а *ж разг.* (*по знач. гл.* **чини́ть** I) таъмир кардан(и), ямоқ кардан(и), дарбеҳ кардан(и); тез кардан(и); заи-

маться ~**ой белья** машғули ямоқ кардани либос шудан; ~**а карандашей** тез кардани қаламҳо

чинно *нареч.* бо тамкинона, бо виқор; ~ **сидеть** бо виқор нишастан

чинность *ж* ботамкинӣ, бовиқорӣ

чинный, -ая, -ое (чин|ен, -на, -но) ботамкин, пурғурур, сертакаллуф, бовиқор

чиновник *м* 1. амалдор, мансабдор; **крупный** ~ амалдори калон: **мелкий** ~ амалдори хурд 2. *перен. неодобр.* бюрократ, коғазбоз, тура

чиновница *ж* зани амалдор, зани мансабдор

чиновническ||ий, -ая, -ое 1. *см.* **чиновничий**; 2. *перен. неодобр.* ...и хунукназарона; ~**ое отношение к делу** муносибати хунукназарона ба кор

чиновничество *с* 1. *собир.* амалдорон, мансабдорон 2. *перен. неодобр.* турачигӣ, коғазбозӣ, хунукназарӣ

чиновнич||ий, -ья, -ье ...и амалдор, ...и мансабдор; амалдорона, мансабдорона; ~**ье сословие** табақаҳои амалдорон; ~**ий язык** забони хушку бесалиқаи амалдорона

чинови||ый, -ая, -ое (чинов|ен, -на, -но) 1. амалдор, мансабдор 2. соҳибмансаб; ~**ое лицо** шахси соҳибмансаб

чиноначалие *с уст.* зинаҳои мартабадорӣ (мансабдорӣ)

чинопочитание *с уст.* риояи (эҳтироми) мансаби амалдор

чинопроизводство *с уст.* рутбагирӣ, баландшавии мансаб; рутбадиҳӣ, баланд кардани мансаб

чинуша *м разг. пренебр.* турача

чирей *м разг.* шабушак, думмал

чириканье *с (звуки)* чириқ-чириқ

чирикать *несов.* чириқ-чириқ кардан, чириққос задан

чирики *мн.* (*ед.* **чирик** *м*) *обл.* чорук, муккӣ, шиппак

чирикну||ть *сов. однокр. к* **чирикать**; **воробей** ~**л** гунҷишк [як бор] чириққӣ кард

чирк *межд.* 1. *звукоподр.* тиқ, чиқ *(садои сошии ду чизи қоқ)* 2. *в знач. сказ.* ширти кардан; **он** ~ **спичкой** вай ширти карда гугирд зад

чирканье *с* (*по знач. гл.* **чиркнуть** 1) ширти кардан(и), шартос

чиркать *несов. см.* **чиркнуть**

чиркну||ть *сов. однокр.* 1. *чем* ширти кардан; ~**ть спичкой** ширти гугирд задан 2. қарсӣ кардан; **пуля** ~**ла о камень** тир қарсӣ карда ба санг зад

чирков||ый, -ая, -ое: ~**ая утка** *см.* **чирок**

чирок *м зоол.* чирак, чири лойхурак; куланг

численник *м прост. и уст.* календари (тақвими) варақдор, тақвими деворӣ

численность *ж* адад, шумора, миқдор; ~ **населения** шумораи аҳолӣ

численн||ый, -ая, -ое 1. ...и адад, ...и шумора; ~**ое превосходство** афзалияти миқдор 2. рақамӣ; ~**ый и линейный масштаб карты** миқъёси хаттӣ ва рақамии харита

числитель *м мат.* сурат

числительн||ое *с и* **имя** ~**ое** *грам.* шумора; **порядковые** ~**ые** шумораи тартибӣ; **количественные** ~**ые** шумораи миқдорӣ; **дробные** ~**ые** шумораи касрӣ

числить *несов. кем-чем* шумурдан, ҳисоб кардан; ~ **больным** касал ҳисоб кардан

числи||ться *несов.* 1. доштан, мавҷуд будан; **в городке** ~**тся десять тысяч жителей** ин шаҳрча даҳ ҳазор аҳолӣ дорад 2. *за кем* қарздор будан, дар зимма будан; **за ним** ~**тся долг в сто рублей** сад сум қарз дар гардани уст; **книга** ~**тся за мной** ин китоб ба номи ман навишта шудааст 3. *кем-чем* ба ҳисоб рафтан, ҳисоб ёфтан, шумурда шудан, ҳисоб карда шудан; ~**ться больным** касал ҳисоб ёфтан; ~**ться в списке** дар [қайди] руйхат будан

числ||о *с* 1. адад, рақам; **целое** ~**о** адади бутун; **дробное** ~**о** адади касрӣ; **чётное** ~**о** адади ҷуфт; **нечётное** ~**о** адади тоқ; **кратное** ~**о** адади зарбкунанда; **смешанное** ~**о** адади омехта; **теория чисел** *мат.* назарияи адад 2. *(день месяца)* таърих, руз; **какое сегодня** ~**о**? имруз чандум?; **пятого** ~**а** рузи панҷуми моҳи ; **в первых числах января** дар рузҳои аввали январь 3. адад, шумор; ~**ом в двадцать человек** иборат аз бист кас; **превосходить** ~**ом** аз ҷиҳати шумора бартарӣ доштан 4. қатор, ҷумла; **в** ~**е присутствующих** дар қатори ҳозирон; **в том** ~**е** аз он ҷумла 5. *грам.* шумора; **единственное** ~**о** шумораи танҳо; танҳо; **двойственное** ~**о** шумораи дугона; **множественное** ~**о** шумораи ҷамъ, ҷамъ ◇ **астрономические числа** рақамҳои бисьёр калон; **задним** ~**ом** 1) бо санаи гузашта 2) *(спустя некоторое время)* бевақттар, баъдтар, сонитар; **всыпать (задать) по первое** ~**о** 1) танбеҳи сахт додан; сахт ҳақорат додан 2) зарбаи сахт додан, торумор кардан; **нет (несть)** ~**а** *кому-чему*, **без** ~**а** беҳадду андоза, беҳадду ҳисоб, шумораш нест

числов||ой, -ая, -ое 1. ...и адад, ададӣ; ~**ая величина** бузургии ададӣ 2. адад, рақамӣ; ~**ые данные** маълумоти рақамӣ

чистилище *с рел.* аъроф

чистильщик *м* тозакунанда; ~ **обуви** тозакунандаи пойафзол, локчӣ, пардозгар

чистить *несов.* 1. *кого-что* тоза (пок, покиза) кардан; ~ **коня** аспро тоза кардан; ~ **зубы** дандонро тоза кардан; ~ **сапоги** музаро пок кардан; ~ **пальто** пальторо тоза кардан; ~ **посуду** зарфро покиза кардан; ~ **дорожки в саду** раҳравҳои боғро руфтан; ~ **конюшню** аспхонаро тоза кардан 2. *что* пуст кандан; ~ **фрукты** меваҳоро пуст кандан; ~ **картофель** картошкаро пуст кандан; ~ **рыбу** моҳиро тоза кардан 3. *кого-что перен. прост. (грабить)* ғорат (тороҷ, толон) кардан 4. *кого-что прост. (ругать, бранить)* дашном додан, ҳақорат кардан

чиститься *несов.* 1. худро тоза кардан; ~ **после дороги** баъди сафар худро тоза кардан 2. *страд.* тоза (пок, покиза) карда шудан

чистк||а *ж* (*по знач. гл.* **чистить** 1, 2) тоза кардан(и), пок кардан(и); пуст кандан(и); ~**а зубов** тоза кардани дандонҳо; **отдать пальто в** ~**у** пальторо барои тоза кардан додан; ~**а овощей** пуст кандани сабзавот

чисто 1. *нареч.* тоза, покиза; ~ **вымыть пол** фаршро покиза шустан; ~ **одеваться** озода либос пушидан; ~ **говорить по-русски** ба русӣ озод (тоза) гап задан; ~ **сделано** ин кор нағз иҷро шудааст; **страница написана** ~ саҳифа покиза навишта шудааст 2. *в знач. сказ. безл.* тоза аст; **у неё в комнате всегда** ~ хонаи вай ҳамеша тоза аст 3. *в знач. сравн. союзи прост. (совсем как)* чун, мисли, монанди... ◇ ~**-начисто вымыть (вычистить** *и т. п.*) топ-тоза шустан

чистовик *м разг.* покнавис

чистов||ой, -ая, -ое 1. покнавис, рунавис, ...и покнависӣ; ~**ой экземпляр рукописи** нусхаи покнависи дастхат 2. ба охир расонидашуда, аз даст баровардашуда; ~**ые детали** детальҳои аз даст баровардашуда

чистоган *м прост.* нақдина, пули нақд; **заплатить** ~**ом** бо нақдина пардохтан

чистокровка *ж разг.* зотӣ, хушзот

чистокровность *ж* зотӣ (хушзот) будан(и)

чистокровный, -ая, -ое (чистокров|ен, -на, -но) 1. *(чистой породы)* зотӣ, хушзот; ~ **конь** аспи зотӣ 2. *разг. (настоящий, подлинный)* ҳақиқӣ, аслӣ, асил

чистописани||е *с* ҳусни хат; **урок** ~**я** дарси ҳусни хат

чистоплотность *ж* покизакорӣ, озодагӣ, назофат; покдоманӣ; **нравственная** ~ покдоманӣ

чистоплотный, -ая, -ое (чистоплот|ен, -на, -но) 1. покиза, озода, покизакор; ~ **человек** одами покизакор 2. *перен. (нравственно чистый)* хушахлоқ, нексират, покдоман

чистоплюй *м разг. пренебр.* аз ҳадд зиёд озода, ниҷиқ; нозуктабъ

чистоплюйство *с* ниҷиқӣ, нозуктабъӣ

чистополье *с прост.* дашти васеъ, дашти кушод

чистопородность *ж* хушзотӣ, зотӣ будан(и), хушнаслӣ

чистопородный, -ая, -ое (чистопород|ен, -на, -но) зотӣ, хушнасл; ~ **скот** ҳайвоноти хонагии хушнасл

чистопробн||ый, -ая, -ое 1. асил, холис; ~**ое золото** тиллои холис 2. *перен.* гузаро, рафтаистодагӣ; ~**ый негодяй** нобакори гузаро

чистопсовый, -ая, -ое *охот.* ...и саги зотӣ

чистосердечие *с* софдилӣ, покдилӣ, самимият

чистосердечно *нареч.* софдилона, самимона; ~ **признаться в чём-л.** чизеро софдилона эътироф кардан

чистосердечн||ый, -ая, -ое (чистосер-

дéч|ен, -на, -но) софдил, покдил, беғараз, самими, сидқи; ~ая **простота** соддагии самимона; ~ый **человéк** одами софдил; ~ое **раскаяние** тавбаи сидқӣ

чистосóртность *ж с.-х.* сарагӣ, яккачин будан(и); ~ **семян** сарагии тухмӣ

чистосóртн||ый, -ая, -ое *с.-х.* ...и навъи сара, ...и аълонавъ, ...и асил; ~**ая пшеница** гандуми навъи сара

чистот||á *ж* 1. тозагӣ, назофат, покизагӣ, покӣ, софӣ; ~**á помещéния** покизагии хона; **соблюдáть** ~**ý** ба тозагӣ риоя кардан; **содержáть в** ~**é** дар тозагӣ нигоҳ доштан 2. софӣ, беғуборӣ; ~**á воды** софии об; ~**á вóздуха** софии (беғубории) ҳаво; ~**á порóды** хушзотӣ 3. равшанӣ, сареҳӣ; буррой; ~**á звýка** сареҳии овоз 4. саҳеҳӣ; буррой; ~**á произношéния** саҳеҳии талаффуз 5. *перен.* покдоманӣ; **душéвная** ~**á** софии дил, покзамири // *(невинность, девственность)* иффат, исмат, покдоманӣ

чи́ст||ый, -ая, -ое (чист, -á, -о) 1. тоза, пок, покиза, соф, беғубор; ~**ые рýки** дастони покиза; ~**ое полотéнце** дастурупоккуни тоза; ~**ая посýда** зарфи тоза // *(опрятный)* озода; ~**ая кóмната** хонаи озода 2. ихтисосталаб; ~**ая рабóта** кори ихтисосталаб 3. хушсифат; бодиққат, пухта; ~**ая отдéлка** коркарди хушсифат 4. *уст. разг. (парадный)* калон, асосӣ 5. *уст.* имтиёзнок; ~**ая пýблика** одамони соҳибимтиёз 6. соф, шаффоф, мусаффо; ~**ая гладь óзера** сатҳи мусаффои кул; ~**ое нéбо** осмони соф; ~**ое лицó** руи беғубор // тоза, холӣ; ~**ый лист бумáги** варақи тоза (холӣ); ~**ая тетрáдь** дафтари тоза 7. холис, тоза; ~**ое зóлото** тиллои холис (асил); ~**ая шерсть** пашминаи тоза; ~**ая водá** оби соф (шаффоф); ~**ый вóздух** ҳавои беғубор // *(чистокровный)* зотӣ; **лóшадь** ~**ой порóды** аспи хушнасл 8. бурро, хуш; ~**ый гóлос** овози бурро 9. саҳеҳ; ~**ое произношéние** талаффузи саҳеҳ 10. *перен.* покизаахлоқ; ~**ая любóвь** ишқи беолоиш; ~**ые побуждéния** нияти нек; **человéк с** ~**ым сéрдцем** одами софдил; **сдéлать чтó-л. от** ~**ого сéрдца** кореро аз сидқи дил иҷро кардан; **с** ~**ой сóвестью** бо виҷдони пок // *(невинный, девственный)* покдоман, боиффат; ~**ая дéвушка** духтари покдоман; ~**ое дитя́** тифли маъсум 11. *перен.* ҳалол; ҳалолкор; ~**ым путём** бо меҳнати ҳалол, ҳалолкорона 12. холис; ~**ая при́быль** даромади холис; ~**ый вес** вазни холис 13. соф, назарӣ; ~**ая наýка** илми соф (назарӣ) 14. *разг.* том, тамом; ~**ый вздор** дуруғи маҳз, сафсата; ~**ая прáвда** ҳақиқати том; ~**ая случáйность** тасодуфи аҷиб 15. *разг.* чун, ҳамчун, мисли, монанди; **запоёт она** — ~**ый соловéй** вай чун булбул мехонад ◇ **чи́стой (чистéйшей) воды** 1) *(о драгоценных камнях)* тоза, асил, ҳақиқӣ 2) *(о человеке)* асил; ~**ое искýсство** санъати «соф» *(назарияе, ки аҳамияти оммавӣ доштани санъатро инкор мекунад)*; ~**ый понедéльник** *церк.* сари ҳафтаи (душанбеи якуми) руза; **на** ~**ом вóздухе** дар берун, дар ҳавои кушод; **вы́вести когó-л. на** ~**ую вóду** миси касеро баровардан; **принимáть за** ~**ую монéту** чун зари холис қабул кардан

чистю́ля *м, ж разг.* аз ҳад зиёд озода, беҳад покиза; озодаи инҷиқ

читáем||ый, -ая, -ое 1. *прич.* хондашаванда 2. *прил.* хонданӣ, машҳур; ~**ое произведéние** асари хонданӣ

читáлка *ж прост. см.* **читальня**

читáльный, -ая, -ое 1. ...и китобхона, ...и қироатхона; ~ **зал** зали китобхона 2. *в знач. сущ.* **читáльная** *ж уст. см.* **читáльня**

читáльня *ж* қироатхона, китобхона

читáтел||ь *м* хонанда; **мáссовый** ~**ь** хонанди умум; **для ширóкого крýга** ~**ей** барои доираи васеи хонандагон

читáтельница *женск. к* **читáтель**

читáтельск||ий, -ая, -ое и ... хонандагон; ~**ая конферéнция** конференцияи хонандагон

читáть *несов.* 1. *кого-что и без доп.* хондан, мутолиа кардан; ~ **вслух** баланд хондан; ~ **про себя́** дар дил хондан; ~ **по склáдам** ҳиҷо-ҳиҷо хондан 2. *что* хондан, аз ёд хондан; ~ **стихи́** [аз ёд] шеър хондан; ~ **моли́тву** намоз хондан 3. *что* фаҳмидан, донистан, дарк кардан; ~ **чертежи́** нақшаҳоро фаҳмидан; ~ **с листá** *муз.* варақаи нотаро хондан 4. *что перен.* дарьёфтан, пай бурдан; ~ **на чьи́х-л. ли́цах** аз руи касе чизеро пай бурдан; ~ **в глазáх у когó-л.** ба чашми касе нигоҳ карда чизеро пай бурдан; ~ **в сéрдце (в душé) у когó-л.** дили касонро фаҳмидан 5. *что* хондан; ~ **лéкции** маърӯза хондан // *без доп. разг. (быть преподавателем)* муаллимӣ кардан, муаллим будан; **он читáет в медици́нском инститýте** вай дар институти тиббӣ муаллимӣ мекунад ◇ ~ **наставлéния (нравоучéния)** *кому* насиҳат кардан, панду насиҳат додан; ~ **мéжду строк** маънии ниҳонии навиштаҷотро дарк кардан

читá||ться *несов.* 1. хонда шудан; **э́та кни́га хорошó** ~**ется** ин китоб ба завқ хонда мешавад 2. *безл. чаще с отриц.* ба хондан майл доштан; **емý не** ~**лось** вай ба хондан майл надошт, вай майли хондан надошт 3. *перен.* пай бурда шудан, дарк шудан; **в егó глазáх** ~**лась устáлость** дар чашмонаш осори хастагӣ ҳувайдо буд 4. *страд.* хонда шудан, мутолиа карда шудан

чи́тка *ж* (*по знач. гл.* **читáть** 1) хониш, хондан(и); ~ **газéт** мутолиаи газета; **пéрвая** ~ **пьéсы в теáтре** *театр.* хониши якуми пьеса дар театр

чи́тывать *несов. разг. многокр. к* **читáть**

чих I *м разг.* атса, атсазанӣ ◇ **ни всякий** ~ **не наздрáвствуешься** *погов.* ≈ дили ҳамаро ёфта намешавад

чих II *межд.* 1. *звукоподр.* апшу! *(садои атса)* 2. *в знач. сказ. разг.* атса задан

чихáнье *с* (*по знач. гл.* **чихáть** 1, 2) атсазанӣ, атса; пах-пух кардан(и)

чихáть *несов.* 1. атса задан (додан) 2. *разг. (о моторе, механизме)* пах-пух кардан 3. *на кого-что груб. прост.* туф кардан *(ифодаи дашном)*; ~ **на когó-что-л.** туф мекунам ба касе, чизе

чихáться *несов. безл. разг.* беихтиёр (ногоҳ) атса задан

чихвóстить *несов. кого прост.* 1. сарзаниш кардан 2. гушмол додан, задан, куфтан, лат кардан

чихи́рь *м* чихирь, маи дастӣ дар Қавказ

чихн|́|ть *сов. однокр. к* **чихáть** 1, 2; **я** ~**л** ман як бор атса додам

чичерóне *м нескл. уст. и ирон.* чичероне, роҳбалад *(дар Италия)*

чичисбéй *м разг. уст.* чичисбей *(ҳамроҳи доимии зани шавҳардор дар Италияи асри 18)*

чи́ще *сравн. ст. к прил.* **чи́стый** *и к нареч.* **чи́сто**

член *м* 1. узв, ҷузъ; аъзо; ~ **пáртии** узви партия; ~ **профсою́за** узви иттифоқи касаба; ~**ы семьи́** аъзои оила; аҳли хонавода 2. *чаще мн.* **члéны** узвҳои бадан 3. *грам.* аъзо; **глáвные** ~**ы предложéния** сараъзоҳои ҷумла; **второстепéнные** ~**ы предложéния** аъзоҳои пайрави ҷумла 4. *мат.* ҳадд, адад; ~ **уравнéния** адади (ҳадди) муодила ◇ ~**-корреспондéнт** аъзо-корреспондент

членéние *с* 1. (*по знач. гл.* **члени́ть**) булак-булак кардан(и), ба қисмҳо тақсим (ҷудо) кардан(и), ҷузъ-ҷузъ кардан(и) 2. *архит.* қисми (узви) сохтмон

члéник *м зоол.* буғум, банд

членистонóгие *мн. зоол.* буғумпойҳо, бандпойҳо

члени́ть *несов. что* ба қисмҳо тақсим (ҷудо) кардан, булак-булак кардан; ~ **предложéние** ҷумларо ба қисматҳо ҷудо кардан

членовреди́тель *м* худмаъюбкунанда, маибкунандаи ягон узви бадан

членовреди́тельство *с* 1. қасдан маибкунии ягон узви бадани худ 2. маибкунӣ

членораздéльно *нареч.* якто-якто, бурро-бурро, ба таври сареҳ; **говори́ть** ~ якто-якто гап задан

членораздéльность *ж* сареҳӣ, равшанӣ, буррой; ~ **рéчи** бурроии сухан

членораздéльн||ый, -ая, -ое (членораздé|лен, -льна, -льно) сареҳ, гуё, бурро, якто-якто; ~**ая речь** сухани сареҳ (бурро); ~**ый отвéт** ҷавоби фаҳмо

чле́нск||ий, -ая, -ое ...и аъзо, ...и аъзой; ~**ие взнóсы** ҳаққи аъзой

члéнство *с* узвият

чмок *межд.* 1. *звукоподр.* чӯлп-чулп; шалп-шалп 2. *в знач. сказ.* бусидам (бусидӣ, бусид *ва ғ.*); **он** ~ **её в щёку** у руи вайро чулпи бусид

чмóканье *с* (*по знач. гл.* **чмóкать**) чалпос, чалпосзанӣ; муччӣ (буса) кардан(и); шалп-шалп, чулп-чулп кардан(и); ~ **гря́зи** [садои] шалп-шалпи лой

чмóка||ть *несов.* 1. *чем и без доп.* чалпос занондан; ~**ть губáми** лабҳоро чалпос занондан 2. *кого прост.* муччӣ

(бўса) кардан 3. чалп-чалп (шалп-шалп) кардан; **под ногами** ~**ет грязь** лой дар зери пой шалаппос мезад

чмокаться *несов. прост.* буса (муччӣ) кардан *(ҳамдигарро)*

чмокну||ть *сов. однокр. к* **чмокать** 1, 2; **он** ~**л её в щёку** у чалпи вайро бусид

чмокну||ться *сов. однокр. к* **чмокаться**; **они** ~**лись друг с другом** онҳо якдигарро [як бор] бусиданд

чоканье I *с* (*по знач. гл.* **чокать** I *и* **чокаться**) чирингос задан(и); ~ **рюмок** садои баҳам хурдани қадаҳҳо; ~ **шпор** садои махмезҳо

чоканье II *с лингв.* «ч» гуӣ *(дар баъзе шеваҳои русӣ фарқ накардани талаффузи ҳарфи «ч» аз ҳарфи «ц»)*

чокать I *несов.* 1. *(о птицах)* чуқ-чуқ кардан 2. *разг. (при ударе обо что-л. металлическое)* чирингос задан

чокать II *несов. лингв.* «ч» гуфтан *(ба ҷои ҳарфи «ц» ҳарфи «ч» талаффуз кардан)*

чокаться *несов.* қадаҳчангандозӣ кардан, қадаҳҳоро ҷанг андохтан; ~ **рюмками** қадаҳҳоро ҷанг андохтан

чокнуть *сов. однокр. к* **чокать** I

чокнуться *сов. см.* **чокаться**

чопорно *нареч.* сертакаллуфона, бо такаллуфи бисьёр; ~ **держаться** бо такаллуф муомила кардан

чопорность *ж* сертакаллуфӣ; ~ **манер** рафтори сертакаллуфона

чопорн||ый, -ая, -ое (чопор|ен, -на, -но) сертакаллуф; ~**ая дама** хонуми сертакаллуф

чох I *м разг. см.* **чих** I ◇ **не верит ни в** ~, **ни в сон** [у] хурофотчӣ нест

чох II *межд. см.* **чих** II

чоха *ж* чухо, чоха *(либоси мардонаи кавказӣ)*

чохом *нареч. прост.* яклухт, кутара

чреватый, -ая, -ое (чреват, -а, -о) *книжн. чем* хатарнок, хавфнок; ~ **последствиями случай** воқеаи оқибаташ хатарнок

чрево *с уст. книжн.* шикам, батн // *перен.* дарун

чревовещание *с* бе иштироки лаб гапзанӣ

чревовещатель *м* найрангбозе, ки лаб наҷунбонда гап мезанад

чревовещательница *женск. к* **чревовещатель**

чревосечение *с мед.* ҷарроҳии (операцияи) шикам

чревоугодие *с* шикампарастӣ

чревоугодник *м* шикампараст

чревоугодничать *несов.* шикампарастӣ (шикамбандагӣ) кардан

чревоугодничество *с см.* **чревоугодие**

череда *ж* 1. *уст. поэт. см.* **череда** 1, 2, 3; 2. *уст. (поприще, область деятельности)* доираи (соҳаи) фаъолият

чрез *книжн. см.* **через**

чрезвычайно *нареч.* фавқулодда; **это** ~ **важно** ин фавқулодда муҳим аст

чрезвычайност||ь *ж* 1. истисноият, ғайриоддӣ будан(и), фавқулоддагӣ; ~**ь положения** фавқулода ҷиддӣ будани вазъият 2. таъҷилият, таъҷилӣ будан(и); ~**ь сообщения** таъҷилияти ахборот ◇ **до** ~**и** аз ҳад зиёд, ниҳоят

чрезвычайн||ый, -ая, -ое (чрезвыча|ен, -йна, -йно) 1. фавқулодда; ғайриоддӣ; ~**ый успех** муваффақияти фавқулодда; ~**ая сила** қувваи фавқулодда; ~**ое происшествие** ҳодисаи ногаҳонӣ 2. таъҷилӣ, фавқулодда; махсус; ~**ые меры** чораҷуиҳои таъҷилӣ (фавқулодда); ~**ый съезд** съезди фавқулодда; ~**ое положение** вазъияти фавқулодда; ~**ые полномочия** ваколати махсус

чрезмерно *нареч.* беҳад, аз андоза берун, аз ҳад зиёд; ~ **длинное платье** куртаи аз ҳад зиёд дароз; ~ **стараться** аз андоза зиёд саъю кушиш кардан; ~ **трусить** беҳад тарсидан

чрезмерность *ж* беандозагӣ, аз ҳад афзунӣ, ифрот

чрезмерн||ый, -ая, -ое (чрезмер|ен, -на, -но) беандоза, аз ҳад (аз андоза) берун, аз ҳад зиёд; ~**ое усердие** ғайрати аз ҳад зиёд

чресла *мн. уст. книжн.* камар, миён ◇ **препоясать свои** ~ омодаи саёҳат шудан

чтени||е *с* 1. (*по знач. гл.* **читать**) хониш, хондан(и), мутолиа, қироат; фаҳмидан(и), донистан(и); **беглое** ~**е** хониши сарсарӣ; ~**е вслух** қироат; **книга для** ~**я** китоби хониш; **увлечься** ~**ем** саргарми мутолиа шудан 2. китоб, китобҳо 3. *мн.* **чтения** хонишҳо *(доир ба масъалаҳои соҳаи муайян)*; **Пушкинские** ~**я** Хонишҳои Пушкинӣ

чтец *м* 1. хонанда, қироаткунанда; суханвар нотиқ; **выступление** ~**а** баромади нотиқ 2. *прост.* хонанда, мутолиакунанда

чтиво *с разг. пренебр.* адабиёти бесалиқа *(оид ба асарҳои бадеӣ, ки дар хондан завқовар бошад ҳам, аз ҷиҳати ғоя барҷаста нест)*

чтить *несов. кого-что* ҳурмат (қадр) кардан, бақадр шумурдан; ~ **память героев** хотираи қаҳрамононро бо эҳтиром ёдоварӣ кардан

чтица *женск. к* **чтец**

что I *мест.* 1. *вопр.* чӣ?; ~ **это такое?** ин чист?; ~ **случилось?** чӣ шуд?; чӣ гап? чӣ воқеа рӯй дод?; ~ **с вами?** ба шумо чӣ шуд?; ~ **нового?** чӣ хабари нав? 2. *вопр. в знач. сказ.* чӣ тавр?; **что больной?** аҳволи бемор чӣ тавр?; **ну** ~, **как поживаете?** хуш, аҳволатон чӣ тавр аст? 3. *вопр. в знач. нареч.* чаро, барои чӣ; ~ **ты так кричишь?** чаро ин қадар фарьёд мезанӣ?; ~ **ты задумался?** чаро ба хаёл рафтӣ? // *разг. с частицей «так»* чаро?; **я не приду.— Что так?** ман намеоям.— Чаро? 4. *вопр. (что ты сказал?)* чӣ гуфтӣ?, чӣ? 5. *вопр. разг. (сколько?, какую сумму?)* чанд пул?, чӣ қадар?; ~ **стоит книга?** китоб чанд пул меистад? 6. *неопр. разг. (что-то, что-нибудь)* ягон чиз, чизе; **если** ~ **случится, сразу извести** агар воқеае рӯй диҳад, дарҳол хабар деҳ; **в случае чего** мабодо... 7. *с отриц.* чизе ки на ...; **о чём они только не говорили!** оҳо, онҳо чизҳои бисьёр гуфтанд!, онҳо чизе ки нагуфтанд!; **чего не сделаешь для тебя!** чиро бароят намекунӣ! 8. *в устойчивых сочетаниях* 1) *(при обозначении сомнения)*: ~ **пользы?** чӣ фоида?; ~ **толку?** чӣ манфиат?; ~ **хорошего?** чӣ нағзӣ дорад? 2) *(всё, любое)* кадомаш ки бошад; ~ **угодно?** чӣ лозим? чӣ даркор?; ~ **попало** чизе ки бошад; ~ **придётся** чизе ки рост ояд; **чем** [**ни**] **попадя** *прост.* ҳар чизе ки ба даст омад (афтид) 9. *относ.* ки; **я не знаю**, ~ **ей нравится** ман намедонам, ки чӣ чиз ба вай маъқул аст; ~ **с возу упало, то пропало** *посл.* ≈ обе ки аз куза рехт, рехт ◇ **а** ~? чаро?, барои чӣ?; **не ходи сегодня гулять.— А** ~? — **Погода плохая** имрӯз ба сайру гашт набаро.— Чаро? — Чунки ҳаво бад аст; **во** ~ **бы то ни стало** ҳар чӣ ки шавад, ба кадом роҳе ки бошад; **вот** ~ медонӣ чӣ, агар донӣ; **вот** ~ **я тебе скажу** медонӣ, ман ба ту чӣ мегуям; **вот (вон)** [**оно**] ~ ҳамин тавр; ана гап дар куҷо будааст; ҳамту гуед; **в случае чего** агар воқеае рӯй диҳад; **до чего** [**же**] 1) *(очень, чрезвычайно)* бисьёр, хеле; **до чего хорошо на реке!** сайри дарьё хеле хуш аст! 2) *(до какого состояния)* ба чӣ ҳолат (аҳвол); **до чего ты меня довёл!** ту маро ба чӣ аҳвол расондӣ!; **к чему?** 1) *(зачем?)* чӣ лозим? 2) *(что бы это значило?)* барои чӣ?, чӣ маънӣ дорад? **его вызвали в центр.— К чему бы это?** ӯро бо марказ даъват кардаанд.— Чӣ маънӣ дошта бошад?; **как ни в чём не бывало** ҳеҷ чиз нашудагӣ барин; **мало ли** ~ ҳеҷ гап не; **на что** [**уж**] *(как ни, хотя и очень)* ҳарчанд ки, агар чанде; **не к чему** ҳоҷат не, ҳоҷат надорад; **ни за что** 1) *(ни в каком случае)* ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ, ҳеҷ вақт 2) *(зря, напрасно)* беҳуда, бефоида, бекора; **ни за что** [**ни про что**] беҳудаву бесабаб, бе ҳеҷ чиз; **ни к чему** лозим не, даркор не; **пока что** ҳоло, дар айни ҳол; **почти** ~ қариб, тақрибан, тахминан, наздики ...; **с чего?** дар кадом асос?, ба чӣ асос?; **только** ~ [**не**] қариб ки, наздики ...; **хоть бы** ~ *кому* ҳеҷ парво накардан; **чуть** ~ 1) агар ягон ҳодиса рӯй диҳад 2) *прост.* қариб ки ...; ~ **бы ни** чӣ хеле ки ...; [**ну**] ~ **ж** хайр, майлаш; ~ **за беда** чӣ аҳамият дорад, ҳеҷ гап не; ~ **ли** магар, мӣ; **пойти погулять,** ~ **ли?** рафта сайр карда биёем-мӣ?; ~ **такое?** чӣ?; ~ [**же (ж) это**] **такое?** ин чӣ гап худаш?; ~ **ты? (вы?)** наход?, рост?; ~ **это за?** ин чӣ?, чӣ?; ~ **касается меня** агар гап дар бораи ман равад ...; ~ **называется** *в знач. вводн. сл.* чунон ки мегуянд; **на чём свет стоит ругать** дашноми қабеҳ додан; **ни во** ~ **не ставить, ни за** ~ **считать кого-л.** касеро ҳеҷ шумурдан (донистан); **ни с чем уйти, (остаться)** дасти холӣ рафтан (мондан); **чёрт знает** ~ (**сколько** *и т. п.*) худо медонад

что II *союз* 1. *изъясн.* ки; **жалко,** ~ **ты опоздал** афсус, ки дер мондӣ; **мешок такой тяжёлый,** ~ **не поднять** ҷувол чунон вазнин, ки бардоштан мумкин нест 2. *сравн. фольк. и прост.*

мисли..., монанди..., чун; она́ поёт, ~ соловей вай чун булбул месарояд 3. *разг. (хоть ..., хоть)* хоҳ ..., хоҳ; ~ **ты придёшь,** ~ **я, — всё равно́** хоҳ ту биёӣ, хоҳ ман — фарқ надорад; ~ **в лоб,** ~ **по́ лбу** *погов.* ≈ Хуҷаалӣ — Алихуҷа, ду понздаҳ — як сӣ 4. *входит в состав сложных союзов, напр.:* **потому́** ~ бинобар он ки; **благодаря́ тому́** ~ дар натиҷаи он ки; **в связи́ с тем** ~ ба муносибати он ки, ба сабаби он ки; **несмотря́ на то,** ~ қатъи назар аз он ки, сарфи назар аз он ки ..., бо вуҷуди он ки

чтоб, что́бы *союз.* 1. *цели* барои ин (он) ки, ки, то ки; **поторапливайся,** ~ **не опозда́ть** тезтар бош, то ки дер намонӣ; зуд бош, ки дер мемонӣ 2. *изъясн.* ки; **я попроси́л,** ~ **мне написа́ли обо всём** ман хоҳиш кардам, ки дар бораи ҳама чиз ба ман нависанд; **да́ча была́ постро́ена с таки́м расчётом,** ~ **в ней мо́жно бы́ло жить и зимо́й и ле́том** бустонсаро ба ҳамин мақсад сохта шуда буд, ки дар он ҳам зимистон, ҳам тобистон зиндагонӣ кардан мумкин бошад 3. *входит в состав сложных союзов цели, напр.:* **для того́** ~ барои он ки; **так,** ~ ҳамин хел ки; то он ки, то ки 4. *в знач. частицы (для выражения повеления, приказания)*; ~ **э́того бо́льше не́ было!** ин кор дубора нашавад! ин кор дигар такрор нашавад! 5. *в знач. частицы (для выражения пожелания, обычно плохого)* ҳа; илоҳӣ; ~ **ты ло́пнул!** ҳа, кафида мурӣ; ~ **ду́ху его́ не́ было!** дафъ (гум) шавад! 6. *в знач. частицы (для выражения сомнения)* магар, боз; ~ **я тебя́ обману́л? Да за кого ты меня́ принима́ешь?** магар ман туро фиреб медиҳам? Ту маро чӣ хаёл кардӣ?; ~ **я тебе́ ещё пове́рила!** боз меҳоҳӣ, ки ман ба [суҳани] ту бовар кунам ◊ **не то,** ~ на ин **ки,** на танҳо, на он қадар; **не так** ~ **он** қадар не, ки

что́-либо *мест. неопр. см.* **что́-нибудь**

что́-нибудь *мест. неопр.* чизе, ягон чиз; **зна́ет ли он** ~ **об э́том?** вай дар ин хусус оё ягон чиз медонад?

что́-то I *мест. неопр.* ягон чиз, чизе, ким-чӣ; **вы** ~ **хоти́те мне сказа́ть?** шумо ба ман чизе гуфтан меҳоҳед?; **он чём-то недово́лен** вай аз чизе норозӣ аст

что́-то II *нареч. разг.* 1. андак, як қадар; аз кадом сабаб, ким-чӣ; барин; **мне** ~ **нездоро́вится** андак тобам гурехта истодааст 2. тахминан; **он мне до́лжен** ~ **рубле́й во́семь** вай аз ман тахминан (тақрибан) ҳашт сум қарздор аст

чу *межд.* гуш кун!; **чу, идёт кто́-то** гуш кун, ким-кӣ меояд

чуб *м* 1. *(прядь волос, вихор)* муи пешонии мардон, кокул 2. *(клок волос на бритом темени)* кокули казакҳои Запорожье, кокули наэрӣ

чуба́рый, -ая, -ое 1. *(о масти лошади)* чипор, чавкар, ало 2. *в знач. сущ.* **чуба́рый** *м* аспи чавкар

чуба́стый, -ая, -ое (чубаст, -а, -о) *прост.* кокулдор

чуба́тый, -ая, -ое (чубат, -а, -о) *разг.* кокулдор, фатиламуй

чубу́к *м* 1. *(в курительной трубке)* чубуқ, наи тамокукашӣ 2. *с.-х.* каламчаи (калитаки, навдаи) ток

чубу́чный, -ая, -ое 1. ...и чубуқ 2. ...и қаламча, ...и навдаи ток

чува́л *м обл.* ҷувол

чува́ш *м* чуваш

чува́ши *мн.* чувашҳо

чува́шка *ж* занаки чуваш, чувашдухтар

чува́шский, -ая, -ое ...и чувашҳо, чувашӣ; ~ **язы́к** забони чуваши

чу́вственность *ж* 1. қобилияти эҳсос, эҳсос 2. шаҳвоният 3. майл ба шаҳват, шаҳватпарастӣ

чу́вственн||ый, -ая, -ое (чувствен, -на, -но) 1. ҳиссӣ; ...и эҳсос; ~**ое восприя́тие** идроки ҳиссӣ 2. ҷисмонӣ, нафсонӣ, шаҳвонӣ; ~**ая любо́вь** ишқи шаҳвонӣ 3. пуршаҳват; ~**ый взгляд** нигоҳи шаҳвонӣ; ~**ые гу́бы** лабҳои пурҳарорат (шаҳватангез)

чу́вствие *с уст. и прост. см.* **чу́вство**

чувстви́тельно *нареч.* риққатоварона, ба тарзи ҳис (эҳсос) шаванда; ~ **вздохну́ть** оҳи пурэҳсос баровардан ◊ ~ **благодари́ть** самимона ташаккур гуфтан

чувстви́тельност||ь *ж* 1. ҳассосӣ, ҳассосият, риққати қалб 2. қобилияти ҳис (эҳсос); **потёря** ~**и** гум кардани қобилияти ҳис 3. дақиқӣ; ~**ь прибо́ра** дақиқии асбоб

чувстви́тельн||ый, -ая, -ое (чувствите|лен, -льна, -льно) 1. ҳассос, мутаассиршаванда; ~**ый челове́к** одами ҳассос 2. риққатовар, дилобкунанда; ~**ый рома́нс** романси риққатовар (таъсирбахш) 3. ҳискунанда, қобили эҳсос; ҳассос; ~**ый нерв** асаби ҳассос 4. дақиқ, ҳассос; ~**ые весы́** тарозуи дақиқ 5. хеле сахт, хеле калон, таъсирбахш; ~**ый расхо́д** харҷи калон; ~**ый уда́р** зарбаи ҳисшаванда; ~**ый хо́лод** хунукии таъсирбахш

чу́вств||о *с* 1. ҳис, ҳиссиёт; эҳсос; **о́рганы чувств** узвҳои ҳис 2. ҳуш; **упа́сть без чувств** беҳуш шуда ғалтидан; **прийти́ в** ~**о** ба ҳуш омадан; **привести́ в** ~**о** ба ҳуш овардан 3. ҳис; ~**о бо́ли** ҳисси дард; ~**о го́лода** ҳисси гуруснагӣ; ~**о со́бственного досто́инства** иззати нафс; ~**о отве́тственности** ҳисси масъулият; ~**о за́висти** ҳисси ҳасад; **до́брое** ~**о** нияти нек, нияти наку; **зло́е** ~**о** нияти бад 4. ҳиссиёт, шавқу завқ; **петь с** ~**ом** бо шавқу завқ сурудан; **от избы́тка чувств** аз камоли ҳиссиёт 5. *разг.* муҳаббат, ишқ 6. идрок, дарьёфт; ~**о но́вого** идроки навӣ; ~**о прекра́сного** дарьёфти зебоӣ ◊ ~**о ло́ктя** ёрию мадад, мадади дӯстона; **шесто́е** ~**о** гувоҳии дил; **в растрёпанных** ~**ах** дар ҳолати пуризтироб (мушаввашӣ)

чу́вствование *с уст.* 1. эҳсос, ҳис кардан(и) 2. *(ощущение)* ҳис

чу́вствовать *несов.* 1. *что* ҳис кардан; ~ **го́лод** гуруснагиро ҳис кардан; ~ **отве́тственность за что́-л.** масъулияти чизеро ҳис кардан; ~ **уста́лость** хастагиро ҳис кардан 2. *что и с придат. предл.* ҳис кардан; пай бурдан, донистан; идрок (дарьёфт) кардан; ~ **на себе́ чей-л. взгляд** нигоҳи касеро пай бурдан; ~ **чьё-л. прису́тствие** ҳузури касеро ҳис кардан; **я чу́вствую, что его́ ждут неприя́тности** ман ҳис мекунам, ки вай ба кулфате дучор мешавад 3. *что и с придат. предл.* донистан, дарк кардан; ~ **себя́ ли́шним** худро номуносиб донистан; ~ **вину́ перед ке́м-л.** гуноҳи худро дар назди касе дарк кардан 4. *кого-что* фаҳмидан, дарк кардан; ҳис кардан; **он прекра́сно чу́вствует му́зыку** у мусиқиро нағз мефаҳмад ◊ ~ **себя́** *как, кем* ҳис кардан; **я пло́хо себя́ чу́вствую** тобам гурехта истодааст (нашуда истодааст); **как вы себя́ чу́вствуете?** аҳволатон чӣ тавр аст?; **дава́ть** ~ **кому́-л.** касеро огоҳ кардан, ба касе фаҳмондан; **дава́ть себя́** ~ худро маълум кардан; **уста́лость даёт себя́** ~ таъсири хастагӣ зоҳир шуда истодааст; **ног под собо́й не** ~ 1) *(быстро бежать)* тез давидан, шамол барин давидан 2) *(сильно устать от ходьбы)* аз мадор рафтан, аз по мондан 3) *(от радости, восторга)* худро гум кардан, аз худ бехуд шудан *(аз шодӣ)*, қариб шодикафак (шодимарг) шудан

чу́вств||оваться *несов.* 1. ҳис шудан; фаҳмида (дарк) шудан, пай бурда шудан; **в во́здухе** ~**уется све́жесть** ҳаво серун шудааст; ~**уется, что** ... ҳис мешавад, ки ...; ~**уется, что он не в ду́хе** ҳис мешавад, ки авзои ӯ вайрон аст 2. *страд.* ҳис карда шудан; фаҳмида шудан

чувя́ки *мн.* (*ед.* **чувя́к** *м*) *обл.* шиппак

чугу́н *м* 1. чуян; **вы́плавка** ~**а́** гудозиши чуян 2. дег; ~ **с борщо́м** деги карамшӯрбодор, як дег карамшурбо

чугу́нка *ж* 1. *обл. см.* **чугу́н** 2; 2. *уст. прост. (чугунная печка)* печкаи чуянӣ 3. *уст. прост. см.* **чугу́нный (чугу́нная доро́га)**

чугу́нн||ый, -ая, -ое 1. ...и чӯян, чӯянӣ; ~**ое произво́дство** истеҳсоли чӯян; ~**ая пу́шка** тупи чуянӣ 2. *перен.* чун чуян, чӯян барин (сахт, вазнин); **у него́** ~**ые кулаки́** муштҳои вай чуян барин ◊ ~**ая доро́га** *уст.* роҳи оҳан

чугуно́к *м уменьш. к* **чугу́н** 2

чугунолите́йный, -ая, -ое ...и чуянрезӣ; ~ **заво́д** заводи чуянрезӣ

чугуноплави́льный, -ая, -ое *см.* **чугунолите́йный**

чуда́к *м* одами содда, соддалавҳ

чудакова́тость *ж* соддалавҳӣ

чудакова́тый, -ая, -ое (чудаковат, -а, -о) ...и соддалавҳ

чуда́ческий, -ая, -ое ...и соддалавҳ; соддалавҳона

чуда́честв||о *с* 1. соддагӣ; соддалавҳӣ 2. соддагарӣ; соддалавҳӣ; **брось свой** ~**а!** соддалавҳиятро парто!

чуда́чествовать *несов.* соддалавҳӣ (соддагӣ) кардан

чудачи́на *м разг. см.* **чуда́к**

чуда́чить *несов. разг. см.* **чуда́чествовать**

чуда́чка *ж* зани содда, духтари содда

чуде́сить *несов. разг. уст. см.* **чуди́ть**

чуде́сник *м* 1. *разг. уст.* одами шӯх, шайтон 2. мӯъҷизакор

чуде́сница *женск. к* **чуде́сник**

чуде́сно *нареч.* бисьёр хуш, хеле хуш; **мы ~ провели́ вре́мя** мо вақтро хеле хуш гузарондем

чуде́си||ый, -ая, -ое (чуде́с|ен, -на, -но) 1. зебо, хушрӯй, бисьёр хушиамо; **~ое лицо́** руи зебо 2. бисьёр хуб, нағз; чоқ; **~ый челове́к** одами нағз; **~ая пого́да** ҳавои нағз; **~ый го́лос** овози бисьёр форам; **~ые времена́** айёми хуш; **у него́ ~ое настрое́ние** димоғаш чоқ аст 3. мӯъҷизакор(она), мӯъҷизаосор, сеҳрнок; **~ые си́лы** қувваҳои мӯъҷизакорона; **~ое исцеле́ние** *рел.* тадовии мӯъҷизаосор

чуди́ла *м, ж прост. см.* **чуда́к**

чуди́ть *несов. разг.* шӯхӣ кардан; хазл (аҳмақӣ) кардан

чу́ди||ться *чаще безл. несов. (мере́щиться)* ба хаёл (ба назар) омадан: **ему́ ~лись кри́ки, шум** ба хаёлаш касе шуру ғавғо мебардошт

чу́дище *с уст. см.* **чудо́вище**

чу́дно *нареч.* бисьёр нағз, бисьёр хуб, сара, хуш; **~ па́хнут цветы́** гулҳо буи хуш пахн мекунанд

чудно́ *разг.* 1. *нареч.* аҷаб, аҷабо, аҷиб; **он ~ ведёт себя́** вай рафтори аҷоиб дорад 2. *безл. в знач. сказ.* ҳайратангез (аҷаб, тааҷҷубовар) аст; **~, заче́м тебе́ э́то пона́добилось?** аҷабо, ин ба ту чӣ лозим буд?

чуди||о́й, -а́я, -о́е (чуд|ён, -на́, -но́) *разг.* аҷиб, ғариб, ғалатӣ; **она́ кака́я-то ~а́я** вай ким чӣ хел ғалатӣ аст ◇ **~о́е де́ло** *в знач. вводн. сл. прост.* аҷиб ки, аҷоиб ки, кори аҷиб аст, ки

чу́дн||ый, -ая, -ое (чуд|ен, -на, -но) 1. зебо, бисьёр нағз, бисьёр зебо; **у неё ~ые глаза́** вай чашмони бисьёр зебо дорад 2. хеле хуб; бисьёр нағз; **~ое у́тро** субҳи фараҳбахш; **~ая мело́дия** оҳанги бисьёр форам 3. *(волше́бный)* мӯъҷизакорона, мӯъҷизанок

чу́до *с* 1. (*мн.* **чудеса́**) мӯъҷиза; каромот 2. (*мн.* **чудеса́**) мӯъҷиза, корнамоӣ; **соверша́ть чудеса́ герои́зма** мӯъҷизаҳои қаҳрамонӣ нишон додан 3. *тк. ед.* маҳсули беҳтарин, корнамоӣ; **э́то блю́до — ~ кулина́рного иску́сства** ин таом — маҳсули мӯъҷизавори санъати хуроктайёркунист 4. *в знач. сказ.* аҷиб аст, аҷоиб аст, аҷаб аст; ҳайратангез мебошад 5. (*мн.* **чу́да**) дев; **~ морско́е** деви баҳрӣ ◇ **~ как** чӣ хел нағз, чӣ хуш; **~ как бы́ло ве́село** чӣ хуррамӣ буд!; **не ~** *(не удиви́тельно)* аҷобат надорад; **~-пе́чка** тобаи худпаз; **~-ю́до** *фольк.* махлуқи фавқулодда; **чудеса́ в решете́** аҷоибу ғароиб

чу́дом *нареч.* ба зур тасодуфан; **~ спасти́сь** тасодуфан халос хурдан

чудо́вище *с* 1. дев; махлуқи аҷҷуба; аждар; **безобра́зное ~** аҷҷубаи нафратовар; **морско́е ~** деви (аждари) обӣ 2. *перен.* одами девсират (мудҳиш)

чудо́вищность *ж* 1. бадҳайбатӣ, даҳшатнокӣ, воҳимаангезӣ; **~ разме́ров** бадвоҳимагии ҳасад. ҳайбатнокии ҷусса; аз ҳадд иёд будани андоза 2. даҳшатовар будан(и), даҳшатнокӣ; **~ преступле́ния** даҳшатовар будани ҷиноят

чудо́вищн||ый, -ая, -ое (чудо́вищ|ен, -на, -но) 1. даҳшатнок, даҳшатангез; **~ое существо́** махлуқи даҳшатангез 2. бузург, азим; **~ых разме́ров** ба андозаи аз ҳад зиёд 3. ғайриоддӣ, фавқулодда, аз одат берун; мудҳиш; **~ая си́ла** қувваи фавқулодда; **~ое преступле́ние** ҷинояти мудҳиш

чудоде́й *м* 1. *уст.* ҷодугар, соҳир 2. *прост.* соддалавҳ. содда

чудоде́йственность *ж* таъсирбахшии фавқулодда

чудоде́йственн||ый, -ая, -ое (чудоде́йствен, -на, -но) 1. *рел.* мӯъҷизакорона, мӯъҷизаосор, мӯъҷизакор; **~ая си́ла** қувваи мӯъҷизакорона 2. фавқулодда таъсирбахш; **~ое сре́дство** давои фавқулодда таъсирбахш, давои фавқулодда таъсирбахш

чудотво́рец *м прям., перен.* мӯъҷизакор, соҳибкаромот

чудотво́рн||ый, -ая, -ое (чудотво́р|ен, -на, -но) 1. *рел.* мӯъҷизакор, мӯъҷизаовар; **~ая ико́на** иконаи мӯъҷизакор 2. *перен.* ҳайратовар, таъсирбахш; созгор; **~ый кли́мат** иқлими созгор

чужа́к *м разг.* бегона, ғайрӣ, ғайр

чужани́н *м фольк. см.* **чужа́к**

чужа́чка *женск. к* **чужа́к**

чужби́н||а *ж* диёри бегона; ғарибӣ; **жить на ~е** дар ғарибӣ умр ба сар бурдан

чужда́ться *несов.* 1. *кого-чего* канор ҷустан, ҳазар кардан; **~ друзе́й** аз дӯстон канор ҷустан, аз дӯстон дурӣ гузидан; **она́ не чужда́ется рабо́ты** вай аз кор наметарсад 2. *чего уст.* парҳез кардан; **~ за́висти** аз бухлу ҳасад парҳез кардан

чу́жд||ый, -ая, -ое (чужд, -а́, -о) *в разн. знач.* бегона; **всё мне здесь ~о** ин ҷо ҳама чиз ба ман бегона аст; **~ая идеоло́гия** идеологияи бегона; **э́тот челове́к чужд за́висти** ба ин одам ҳасад бегона; **~ые стра́ны** мамлакатҳои бегона (аҷнабӣ)

чужеда́льн||ий, -яя, -ее *фольк.* дури бегона; бегонаи ақсо; **в ~ей стороне́** дар мамлакати дури бегона

чужезе́мец *м уст.* аҷнабӣ, хориҷӣ, бегона, ғайр

чужезе́мка *женск. к* **чужезе́мец**

чужезе́мный, -ая, -ое *уст.* аҷнабӣ, хориҷӣ, бегона, ғайр

чужезе́мщина *ж уст. (иностра́нщина)* чизҳои аҷнабӣ; аҷнабипарастӣ // *(чужби́на)* мамлакати бегона, диёри бегона; ғарибӣ

чужеро́дн||ый, -ая, -ое (чужеро́д|ен, -на, -но) *книжн.* бегона, ноҷинс, ҷинсан бегона; **~ые зву́ки** овозҳои бегона

чужестра́нец *м уст. см.* **чужезе́мец**

чужестра́нка *ж уст. см.* **чужезе́мка**

чужестра́нный, -ая, -ое *уст. см.* **чужезе́мный**

чужеязы́чный, -ая, -ое *уст.* бегоназабон, ...и забони хориҷӣ (бегона)

чуж||о́й, -а́я, -о́е 1. аз они каси дигар, бегона, ғайр; **~и́е ве́щи** моли кас: моли бегона; **~о́е письмо́** хати каси дигар; **под ~и́м и́менем** бо номи каси дигар // *(непривы́чный, незнако́мый)* бегона; **она́ посмотре́ла на меня́ каки́м-то ~и́м взгля́дом** вай ба ман бо ким чӣ хел чашмони бегона нигоҳ кард // *в знач. сущ.* **чужо́е** *с* моли бегона; моли дигарон; **не бери́, э́то ~о́е** нагир. ин моли бегона аст 2. бегона, ғайр; **~и́е лю́ди** одамони бегона; **~о́й го́род** шаҳри бегона // *в знач. сущ.* **чужо́й** *м*, **чужа́я** *ж* одами бегона 3. бегонаназар; руҳан дур; бегона; **они́ ~и́е друг дру́гу** онҳо ба ҳам бегонаанд ◇ **~и́ми рука́ми** [**де́лать что́-л.**] бо дасти дигарон [ба нафъи худ] коре кардан; **~и́ми рука́ми жар загреба́ть** *погов.* ≈ бо дасти ғайр мор қапидан; **в ~о́м пиру́ похме́лье** *погов.* ≈ халвоя ҳаким хурад, калтака — ятим; **с ~о́го плеча́** либоси каси дигар, либоси ориятӣ; **с ~и́х слов** аз руи гуфти дигарон; **есть ~о́й хлеб** аз ҳисоби дигарон зистан

чу́йка *ж уст.* чуйка *(ҷомаи пашмини рӯй, ки пушиданаш дар байни аҳли мещани шаҳрҳои асри 19 — ва аввали асри 20 расм буд)*

чуко́тский, -ая, -ое ...и чукчӣ, ...и чукча(ҳо), ...и Чукотка; **~ язы́к** забони чукчӣ

чу́кча *м* чукча

чукча́нка *ж* занаки чукча, чукчадухтар

чу́кчи *мн.* чукчаҳо

чула́н *м* мадон, ганҷур, қазноқ

чулки́ *мн.* (*ед.* **чуло́к** *м*) ҷуроби дароз; **шёлковые ~** ҷуроби абрешимӣ; **шерстяны́е ~** ҷуроби пашмин ◇ **си́ний чуло́к** занаки безанокат

чуло́чн||ый, -ая, -ое ...и ҷуроб; **~ая фа́брика** фабрикаи ҷуроббофӣ; **~ая маши́на** мошини ҷуроббофӣ ◇ **~ые изде́лия** ҷуроб

чум *м* чум *(хонаи сиёҳи аҳли шимол, ки болоящро бо пусти гавазн мепӯшанд)*

чума́ *ж* 1. тоун 2. *прост. бран.* ҳа, маразе!

чума́з||ый, -ая, -ое (чума́з, -а, -о) 1. *разг.* чиркин, олуда, ифлос; **~ое лицо́** руи чиркин 2. *в знач. сущ.* **чума́зый** *м уст.* авомнажод, фукаронажод, пойлуч

чума́к *м уст.* чумак *(боркашоне, ки ба аробаҳояшон барзагов баста, намак, моҳӣ ва ғ. мекашонданд)*

чумакова́ть *несов. уст.* аробакашӣ (боркашӣ, кирокашӣ) кардан

чума́цк||ий, -ая, -ое *уст.* ...и чумак, ...и чумакҳо; **~не во́зы** аробаҳои чумакҳо

чуми́за *ж с.-х.* куноқ

чуми́чка *ж* 1. *обл. (ковш, разлива́тельная ло́жка)* кафлезча 2. *прост. (грязну́ля, замара́шка)* чиркинак

чумн||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и тоун, тоунӣ, гирифтори тоун; **~а́я эпиде́мия** эпидемияи тоун // *в знач. сущ.* **чумно́й** *м*,

чумная *ж* гирифтори тоун 2. *см.* **чумовой**

чумовой, -ая, -ое *прост.* шӯх, бекарор, шайтон

чуни *мн.* (*ед.* **чуня** *ж*) *обл.* кафши аз канаб бофташуда

чуприна *ж прост. см.* **чуб**

чур *межд.* 1. *уст.* э нарас! хой нагузар! *(овози огоҳӣ барои эҳтиёт)* 2. *разг.* ба шарте ки; **я скажу вам, но ~, не сердиться** ман ба шумо мегӯям, аммо ба шарте ки хафа нашавед

чура||ться *несов.* 1. *разг. уст. (в заклинаниях)* «дур шав» гуфтан *(барои муҳофизат аз чизе, махсусан аз деву ҷин)* 2. *кого-чего разг.* канор гирифтан, гурехтан, ҳазар кардан; **он не ~лся никакого дела** вай аз ҳеҷ як кор намегурехт

чурбак *м разг. см.* **чурбан** 1

чурбан *м* 1. ғӯла, кунда 2. *прост. бран. (болван, дурак)* аҳмақ

чурек *м* чурак

чурка *ж* ғулача, кундаи хурд

чур-чура *межд. разг. см.* **чур** 2

чутк||ий, -ая, -ое (чут|ок, -ка, -ко) 1. хушьёр, ҳассос, зирак; **~ая собака** саги хушьёр; **~ий слух** гуши тезшунав 2. *(чувствительный)* ҳассос; *(о приборах и т. п.)* дақиқ, нозук; **~ий прибор** асбоби дақиқ 3. *перен.* мушфиқ, меҳрубон, ғамхор(она), дилсуз; **~ий человек** одами меҳрубон; **~ое отношение** муомилаи ғамхорона ◇ **~ий сон** хоби тунук (хушьёр)

чутко *нареч.* 1. хушьёр(она), ҳассосона, зиракона; ~ **спать** хушьёр хоб кардан 2. *перен.* бо диққат; **она ~ прислушивалась к дыханию ребёнка** вай нафасгирии бачаро бо диққат гуш мекард 3. *перен.* мушфиқона, бо меҳрубонӣ; меҳрубонона, ғамхорона, бо дилсузӣ; ~ **относиться к кому-л.** ба кас мушфиқона рафтор кардан

чуткость *ж* 1. хушьёрӣ, ҳассосӣ, зиракӣ; ~ **слуха** тезшунавӣ 2. *перен.* меҳрубонӣ, ғамхорӣ, дилсузӣ, шафқат

чуток *нареч. прост. (немного, чуть-чуть)* камтар, андак, каме, қадре

чуточк||у *нареч. разг.* камтарак, андаке, камакак; **подвинься ~у** камтар он сутар рав; **ни ~и** заррае ҳам не; **он ни ~и не изменился** вай заррае ҳам дигар нашудааст

чуточный, -ая, -ое *прост.* бисьёр майда, бисьёр хурд, реза

чуть 1. *нареч.* камтар, каме; ~ **больше** камтар зиёд 2. *нареч. (едва)* базӯр, саҳл-саҳл; **огонёк ~ мерцает** оташ ба зур милт-милт мекунад; ~ **живой** нимзиндаву ниммурда 3. *союз* ҳамин ки; ~ **свет, она уже на ногах** ҳамин ки руз сафед шуд, вай ба по мехезад ◇ ~ **не** қариб ки; **я ~ не упал** ман қариб ки афтода будам; ~ **ли не** эҳтимол, қариб монда буд, ки; ~ **было не** қариб, ки; ~ **что** 1) агар ягон ҳодиса руй диҳад 2) *прост.* қариб ки; **~-~** камакак, андакак, саҳл-саҳл

чутьё *с* 1. буйгирӣ, буйфаҳмӣ; **собака с тонким ~м** саги хеле бӯйфаҳм 2. *перен.* қобилияти дарьёфт, дарк, идрок, хушьёрӣ; **у него ~ на хороших людей** вай дар шинохтани одамони нек қариҳа дорад

чуха *ж см.* **чоха**

чухна *уст. пренебр.* 1. *ж собир. (чухонцы)* чухонҳо 2. *м, ж* чухон, чухондухтар, занаки чухон

чухонец *м уст.* чухон

чухонка *ж уст.* чухондухтар, занаки чухон

чухонский, -ая, -ое *уст.* ...и чухон

чухонцы *мн. уст.* чухонҳо

чучело *с* 1. хуса *(пусти ягон ҳайвон ё парранда, ки ба даруннаш коҳ ҷой карда бошанд)*; ~ **совы** хуса аз пӯсти бум 2. *(пугало)* хуса, матарс; **огородное ~** хусаи полез 3. *перен.* одами чиркин, одами ифлос ◇ ~ **гороховое** хусаи полез, хуса

чушка *ж* 1. *прост.* хук, чӯчқа 2. *мн.* **чушки** *обл. (городки)* қалъабозӣ 3. як порча филузи рехта, филузпорчаи рехта

чушь *ж* харза, ёва, сафсата, гапи бехуда; ~ **пороть (городить)** жожхой кардан

чуять *несов. что* 1. *(о животных)* ҳис кардан, бӯи *чизеро* гирифтан; **собака чует дичь** саг бӯи сайдро медонад 2. *разг.* донистан, дарк кардан, пайхас кардан, фаҳмидан, эҳсос кардан 3. *перен. разг.* пай бурдан, дарьёфтан; ~ **правду** ҳақиқатро дарьёфтан; **чует моё сердце недоброе** дилам нохуширо пай мебарад ◇ **ног под собой не ~** *см.* **чувствовать (ног под собой не чувствовать)**

чуяться *несов.* 1. *разг.* ҳис (фаҳмида) шудан, пайхас шудан 2. *кому* намудан, тасаввур шудан 3. *страд.* ҳис карда шудан

чхать *несов. прост. см.* **чихать**

чхнуть *сов. прост. однокр. к* **чхать**

Ш

ша *межд. прост.* шуд, бас, тамом

шабаш *м* 1. *рел.* шанбе *(рузи дамгирӣ мувофиқи русумоти дини яҳудиён)* 2. базми ҷинхо *(намуди хурофот)* 3. *перен. (неистовый разгул)* айшу ишрати беҳад, кайфу сафои ниҳоӣ

шабаш *м прост.* 1. *уст. (окончание работы, перерыв)* поён; анҷом; танаффус 2. *в знач. сказ. (довольно, баста)* бас, кор тамом!, тамом!

шабашить *несов. что и без доп. прост.* корро тамом (бас) кардан; танаффус кардан

шабашник *м* мардикор *(дар давраи мо касе, ки бо музди гарон кори касонро мекунад)*

шабер *м тех.* искана; қалами ҳаккокӣ

шабёр *м обл.* ҳамсоя

шаблон *м прям., перен.* қолиб, гарда, нусха; **сделать по ~у** аз рӯи қолиб сохтан; **работать по ~у** аз рӯи нусха кор кардан

шаблонно *нареч.* якранг; ~ **мыслить** якранг фикр кардан

шаблонность *ж* якранг (забонзад) будан(и); ~ **рассуждений** якранг будани мулоҳиза, забонзад будани ифодаи фикр

шаблонн||ый, -ая, -ое (шаблон|ен, -на, -но) 1. қолибӣ, ...и қолиб; **~ое изделие** маснуоти қолибӣ 2. *перен.* якранг, забонзад; **~ое выражение** ибораи забонзад; **~ое произведение** асари қолабӣ

шабрение *с (по знач. гл.* **шабрить***) тех.* тарошкорӣ; ~ **изделий** тарошкории маснуот

шабрить *несов. тех. что* тарошкорӣ кардан; ~ **изделия** маснуотро тарошкорӣ кардан

шабровка *ж тех.* тарошкорӣ; ~ **изделий** тарошкории маснуот

шабровочный, -ая, -ое *тех.* ...и тарошкорӣ; ~ **инструмент** асбоби тарошкорӣ *(искана, қалами ҳаккокӣ ва ғ.)*

шабровщик *м* тарошкор

шаг *м* 1. қадам; **медленные ~и** қадамҳои оҳиста (суст); **тяжёлые ~и** қадамҳои вазнин; **большими ~ами** бо қадамҳои калон-калон; **одним ~ом** бо як қадам; **шум ~ов** шарфаи пой; садои пой; **замедлить ~** қадамро суст кардан; **ускорить ~, прибавить ~у** қадамро тезондан; **вольный ~** *воен.* қадамҳои озод; **два ~а вперёд!** ду қадам ба пеш!; **шириной в десять ~ов** бараш даҳ қадам 2. *перен.* иқдом; **дипломатический ~** иқдоми дипломатӣ; **ложный ~** иқдоми барғалат; **необдуманный ~** иқдоми бемулоҳиза; **решительный ~** иқдоми қатъӣ; **дальнейшие ~и** иқдоми минбаъда 3. *тех.* як тоб, як печ; ~ **резьбы** як печи рахапеч; ~ **винта** як печи винт; ~ **зубчатого колеса** як тоби чархи дандонадор ◇ **гигантские ~и** *спорт.* сутуни чархзанӣ; **конкретные ~и** иқдомҳои аниқ; **первый ~, первые ~и** қадамҳои аввалин, ибтидои кор; **в нескольких ~ах, в двух, трёх ~ах** як (ду-се) қадам онсутар; **на каждом ~у** дар сари ҳар қадам, дар ҳама ҷо, ҳамеша, доимо; ~ **вперёд** қадаме ба пеш; ~ **назад** қадаме ба пас; ~ **за ~ом** 1) *(постепенно)* оҳиста-оҳиста, батадриҷ; 2) *(последовательно)* қадам ба қадам; **выровнять ~** ҳамқадами дигарон шудан; **двигаться (идти) гигантскими ~ами** бо қадамҳои азим пеш рафтан; **двигаться (идти) черепашьим ~ом** сангпушт барин роҳ рафтан, мурчавор роҳ гаштан; **идти ~ в ~** *с кем* инон ба инон рафтан; **не отходить (не отступать) ни на ~** як қадам ҳам дур нарафтан; қадаме ҳам ақиб нанишастан; **не продвинуться ни на ~** як қадам ҳам пеш нарафтан; **ни ~у назад** аз ҷой наҷунбед!; **отбивать (чеканить, печатать) ~** *воен.* низомиёна қадам задан; **сбиться с ~а** *воен.* қадаммониро вайрон кардан; **сделать первый ~** *к чему* қадами аввалин ниҳодан; **~у (лишнего) не сделать** ягон

ҳаракати зиёд накардан; ~у **нельзя́ ступи́ть (сде́лать)** коре карда наметавонад, ҳеҷ намемонанд коре кунад

шага́ние *с* (*по знач. гл.* **шагать**) қадамзанӣ; қадаммонӣ; ~ **взад и вперёд** пешу пас қадаммонӣ

шага́ть *несов.* 1. қадам мондан (задан, гузоштан); ~ **из угла́ в у́гол** аз гуша ба гуша қадам задан 2. рафтан, гаштан, роҳ рафтан; ~ **по доро́ге** дар роҳ рафтан; ~ **по у́лицам** дар кучаҳо гаштан 3. *через кого-что* гузаштан; ~ **че́рез две ступе́ньки** ду зинаро як қадам кардан, аз ду зина гузаштан; ~ **че́рез поро́г** аз остона гузаштан ◇ ~ **[нога́] в но́гу** *с кем-л.* 1) (*одновременно*) баробар қадам задан; 2) (*не отставать от кого-чего-л.*) аз касе (коре) ақиб намондан

шага́ющий, -ая, -ее *прич.*, *прил.* қадамгузор, қадаммонанда, қадамзананда; ~ **экскава́тор** экскаватори қадамгузор

шаги́стика *ж неодобр.* қадампарастӣ (*усули нодурусти таълими ҳарбӣ, ки диққати асосӣ фақат ба дуруст қадаммонӣ дода мешавад*)

шагну́ть *сов. однокр. к* **шага́ть** ◇ ~ **не дают (нельзя́)** ҷунбидан (қадаме гузоштан) намемонад; **ша́гу** ~ **нельзя́ (не мо́жет, не сме́ет)** коре карда наметавонад, ҳеҷ намемонанд коре кунад; **далеко́** ~ хеле пеш рафтан

ша́гом *нареч.* қадам зада (монда); **идти́** ~ қадам монда рафтан; ~ **марш!** қадам зан!

шагоме́р *м* 1. қадамшумор (*асбобе, ки ба таври автоматӣ адади қадамҳоро мешуморад*) 2. *тех.* печшумор (*асбоб барои чен кардани печи винт ва чархи дандонадор*)

шагре́нев||**ый**, -ая, -ое кемухтӣ, ...и кемухт; ~**ая ко́жа** чарми кемухт; ~**ый переплёт** муқоваи кемухтӣ

шагре́нь *ж* кемухт (*навъи чарми мулоим*); (*бумага, ткань и т. п.*) қоғаз ё матои кемухтшакл (*барои муқова ва рукашкунӣ*)

шажко́м *нареч. разг.* бо қадамҳои реза, бо қадамҳои майда; **плести́сь** ~ бо қадамҳои реза роҳ гаштан

ша́йба *ж тех.*, *спорт.* шайба

ша́йка I *ж* (*банда*) дастаи бадкорон, тоифаи дуздону роҳзанон; ~ **граби́телей** дастаи ғоратгарон

ша́йка II *ж прост.* (*таз*) дӯлча

шайта́н *м* шайтон

шакал *м зоол.* шағол; **вой** ~а уллоси шағол

шака́лий, -ья, -ье ...и шағол, шаголвор; ~ **вой** уллоси шағолҳо

шала́ *ж* шолӣ

шала́нда *ж* шаланда (1. *киштии тагпаҳни боркашонӣ* 2. *қаиқи бодбондори моҳигирӣ*)

шала́ш *м* коза, чайла, каппа

шалбе́р, шалбе́рник *м прост. уст. и обл.* сакалту, оворагард, саёқ

шалбе́рничать *несов. прост. уст. и обл.* сакалтугӣ кардан; саёқ-саёқ гаштан

шалева́ть *несов. что спец.* тахтабанд кардан

шалёвка *ж спец.* 1. тахтабандӣ 2. (*тёс*) тахтаи тунук; (*обшивки из тёса*) тахтабанд

ша́левый, -ая, -ое ...и шол; ~ **плато́к** руймоли шол

шале́ть *несов. прост.* дасту по гум кардан, гаранг шудан; ~ **от ра́дости** аз шодӣ дасту по гум кардан

шали́||**ть** *несов.* 1. шӯхӣ кардан; бозӣ кардан; сабуксарӣ (сабукмағзӣ) кардан; **ребёнок** ~т бача шухӣ мекунад 2. *уст. разг.* (*разбойничать*) тороҷ (роҳзанӣ) кардан 3. *разг.* (*1 и 2 л. не употр.*) аз тоб рафтан, бетоб шудан; **не́рвы шаля́т** асабҳо аз тоб рафтанд; **здоро́вье ста́ло** ~**ть** саломатӣ суст шуда истодааст ◇ ~**шь!** не, наметавонӣ! найрангат намегузарад!; **нет,** ~**шь, не позво́лю!** не, ба найранги ту роҳ намедиҳам!

шалма́н *м груб. прост.* майхона

шаловли́во *нареч.* шӯхикунон; ~ **улыбну́ться** шӯхикунон табассум кардан

шаловли́вость *ж* шӯхӣ; **де́тская** ~ шухии бачагона; ~ **взгля́да** шӯхчашмӣ, шухназарӣ

шаловли́в||**ый**, -ая, -ое (шаловли́в, -а, -о) шух; ~**ые де́ти** бачаҳои шӯх; ~**ый взгляд** нигоҳи шӯх; ~**ый тон** оҳанги шух

шалопа́й *м разг.* бодӣ, бекорхуҷа

шалопа́йничать *несов. разг.* бекорхуҷагӣ кардан

шалопу́т *м прост. см.* **шалопа́й**

шалопу́тный, -ая, -ое, *прост.* ...и бодӣ

ша́лост||**ь** *ж* 1. шӯхӣ; **де́тские** ~**и** шӯхиҳои бачагона 2. *уст. разг.* (*разбой, грабёж*) тороҷ, роҳзанӣ

шалта́й-болта́й *м нескл. прост.* 1. сафсата, ёва 2. *в знач. нареч.* беҳуда, беасос, барабас

шалу́н *м* 1. шух, бозингар; бодӣ, сабук 2. *разг. уст.* роҳзан, тороҷгар

шалу́нья *женск. к* **шалу́н** 1

шалфе́й *м бот.* мармарак, кампиргулак, ташнак, баҳмани сурх; (*настой*) табихи мармарак

шалфе́йн||**ый**, -ая, -ое ...и мармарак; ~**ое ма́сло** равғани мармарак

шалыга́н *м обл. см.* **шалопа́й**

шалыга́нить *несов. обл.* бекор гаштан, бекорхӯҷагӣ кардан, бекор руз гузарондан

ша́лый, -ая, -ое *прост. см.* **шально́й**

шаль (*платок*) шол, руймоли шол ◇ **воротни́к** ~ю гиребони лабгардон

шальва́ры *тк. мн. уст.* шалвор

шальн||**о́й**, -а́я, -о́е *разг.* 1. беақл, девона, ҷиннинамо, девонаавзоъ; ~**о́й** вид девонаавзоъ 2. ҳардамхаёл, ғалатӣ; ~**а́я мысль** фикри ғалатӣ; ~**а́я голова́** одами ҳардамхаёл 3. тасодуфӣ; ~**а́я пу́ля** тири дайду (фалокатӣ); ~**а́я бо́мба** бомбаи тасодуфӣ ◇ ~**ые де́ньги** пули бе дарди миён

шаля́-валя́ *см.* **шаля́й-валя́й**

шаля́й-валя́й *нареч. прост.* як навъ, нимкола, чала-чулпа, ҳарому ҳариш

шама́н *м* шаман, азоимхон, соҳир

шама́ний, -ья, -ье ...и шаман, шаманвор, ...и азоимхон, ...и соҳир

шама́нить *несов.* шаманӣ кардан, азоимхонӣ кардан, соҳирӣ кардан

шама́нский, -ая, -ое ...и шаман, ...и азоимхон(ӣ); ~ **бу́бен** доираи шаман

шама́нство *с* 1. (*форма религии*) шамания (*яке аз намудҳои бутпарастӣ; парастиши арвоҳ, ҷинҳо ва париҳо ва ғ.*) 2. (*колдовство*) ҷодугарӣ; сеҳру афсун

ша́мать *несов. что и без доп. уст. груб. прост.* хурдан, задан

шамберье́р *м* шамберьер (*тозиёнаи дарози ромкунандаҳо*)

ша́мканье *с* (*по знач. гл.* **ша́мкать**) шаф-шафкунӣ, шаф-шаф карда гап задан(и)

ша́мкать *несов.* шаф-шаф карда гап задан; ~ **беззу́бым ртом** аз бедандонӣ шаф-шаф карда гап задан

шамо́вка *ж груб. прост.* хӯрок

шамо́т *м тех.* гилбутаи пухта

шамо́тн||**ый**, -ая, -ое *тех.* ...и гилбӯтаи пухта; ~**ый цех** цехи гилбутаи пухта; ~**ые изде́лия** маснуоти гилбӯтагӣ

шамо́товый, -ая, -ое *тех. см.* **шамо́тный**; ~ **кирпи́ч** хишти гилбӯта

шампаниза́ция *ж* шампонӣ (*аз гази карбон сер кардани май*)

шампанизи́ровать *несов. что* шампонидан

шампа́нск||**ий**, -ая, -ое шампанӣ; ~**ие сорта́ виногра́да** навъҳои шампании ангур

шампа́нское *с* маи шампан

шампиньо́н *м* шампиньон (*занбӯруғи хӯрданӣ*)

шампиньо́нный, -ая, -ое ...и шампиньон

шампу́нь *м* шампунь (*маҳлул ё хокаи собун, ки барои мӯйшӯӣ ба кор мераванд*)

шанда́л *м уст.* шамъдон

ша́нежка *ж обл. уменьш. к* **ша́ньга**

ша́нец *м воен.* хандақ, истеҳком

ша́нкерн||**ый**, -ая, -ое *мед.* ...и сӯзок, ...и оташак; ~**ая я́зва** захми сузок

шанкр *м мед.* сузок, оташак

шанс *м* имконият, умед, иқбол; фурсат; **у него́ есть** ~ **заня́ть пе́рвое ме́сто** вай барои гирифтани ҷои якум имконият дорад; ~**ы на успе́х** имконияти муваффақият // *уст.* (*случай*) фурсат, маврид, мавқеъ

шансоне́тка *ж* шансонетка (1. *песня — суруди шухи ҳазломез* 2. *певица — хонандаи ин гуна сурудҳо*)

шанта́ж *м* таҳдид, найранг

шантажи́ровать *несов. кого* таҳдид кардан, найранг ба кор бурдан

шантажи́ст *м* таҳдидгар

шантажи́стка *женск. к* **шантажи́ст**

шантажи́стск||**ий**, -ая, -ое ...и таҳдид, таҳдидомез; ~**ие угро́зы** дӯғу пӯписаҳои таҳдидомез

шанта́жный, -ая, -ое ...и таҳдид, таҳдидомез

шантрапа́ *м, ж прост. бран.* нокас, ноҷинс

шантре́т *м уст. см.* **шатен**

шанцевый, -ая, -ое *воен.* ...и хандаққовӣ; ~ **инструмент** асбоби хандаққовӣ

шаньга *ж обл.* чалпак

шапк||а *ж* 1. кулох, телпак; **меховая** ~**а** телпак; **заломить** ~**у** телпакро якшоха мондан 2. *перен.* туда, сар; боло; анбух 3. *полигр.* сарлавха ◇ ~**а-невидимка** ғайбаккулох *(дар афсонаҳо кулоҳе, ки пӯшандаи он аз чашми мардум ғоиб мешавад)*; ~**ами закидаем!** *прост.* ба як нул мезанем!; **дать по** ~**е кому-л.** *груб. прост.* кафши касеро пеш мондан; адаби касеро дода мондан; **ломать** ~**у** *перед кем* сар фуру овардан; **получить по** ~**е** 1) адаби худро хурдан 2) аз кор ронда шудан; **на воре** ~**а горит** *погов.* тоқии дузд сухт; **по Сеньке |и| ~а** *погов.* ≈ ба худаш муносиб (мувофиқ)

шаповал *м уст.* телпакдуз

шапочка *ж* телпакча ◇ **Красная** ~ Тоқисурхак

шапочник *м* 1. *(портной)* телпакдуз 2. *уст.* *(торговец)* телпакфурӯш

шапочн||ый, -ая, -ое ...и кулох, ...и телпак, ...и каллапӯш; ~**ая мастерская** корхонаи телпакдузи ~**ое знакомство** ошноии саломуалайк; ~**ый знакомый** ошнои дур; **прийти к** ~**ому разбору** баъди тапутез омадан

шар *м* 1. *мат.* кура; **поверхность** ~**а** сатҳи кура 2. кура, гулула, кулула, саққо; **бильярдные** ~**ы** саққохои биллиард; **воздушный** ~ кураи хавоӣ; **земной** ~ кураи Замин 3. *уст.* саққо; **баллотировка** ~**ами** бо усули саққопартои овоз додан; **белый** ~ саққои сафед; **чёрный** ~ саққои сиёҳ 4. **шары** *мн. груб. прост.* чашми ало ◇ **пробный** ~ иқдоми озмун; **залить** ~**ы** *груб. прост.* масти аласт (лояъқил) шудан; **хоть** ~**ом покати** муш асо мезанад

шарабан *м* фойтуни дучарха

шарада *ж* лугз; муаммо

шарап *м*: **на** ~ *груб. прост.* гир! тала!

шарах *межд. в знач. сказ. прост.* гурси (тарси, гупи) зад (задам, задӣ *ва г.*)

шараханье *с прост.* (*по знач. гл.* **шарахать**) гурсосзанӣ, гуппосзанӣ; (*по знач. гл.* **шарахаться**) канор гирифтан(и), худро дур партофтан(и); ~ **из стороны в сторону** худро гоҳ ба рост гоҳ ба чап задан(и)

шарахать *несов. см.* **шарахнуть**

шараха||ться *несов.* 1. худро ба тарафе задан 2. *от кого перен. разг.* канор гирифтан, ҳазар кардан, рамидан, ба канор ҷаҳидан; **люди от него** ~**ются** одамон аз вай ҳазар мекунанд

шарахну||ть *сов. и однокр. прост.* 1. *кого, чем* гурсос (гуппос) карда задан, ҳаво додан; ~**ть камнем** бо санг задан // тир паррондан, тир андохтан, тир холӣ кардан; **сильно** ~**ли из пушки** аз туп гумбуросзанон тир холӣ карданд 2. *см.* **шарахнуться**

шарахну||ться *сов. и однокр.* 1. *разг.* худро ба канор кашидан; рамида ба канор паридан; ~**ться в сторону** рамида худро ба канор кашидан 2. *прост.* бархурдан; рафта задан: **лодка** ~**лась о берег** заврак ба соҳил рафта зад

шарж *м* 1. шарж *(расми ҳазломезе, ки ба асл андаке шабоҳат дораду вале баъзе хосиятҳои онро ба дараҷаи игроқ расондааст)*; **дружеский** ~ шаржи дустона 2. *перен.* намунаи зишт, нусхаи масхараомези *чизе*

шаржирование *с* (*по знач. гл.* **шаржировать**) шарж намудан(и)

шаржировать *несов. что и без доп.* шарж намудан

шариат *м рел.* шариат

шарик *м* курача, гулӯлача, кулӯлача, саккоча ◇ **белые кровяные** ~**и** *см.* **лейкоциты**; **красные кровяные** ~**и** *см.* **эритроциты**

шариковый, -ая, -ое гулулачадор, саккочадор

шарикоподшипник *м* шарикоподшипник

шарикоподшипниковый, -ая, -ое ...и шарикоподшипник; ~ **завод** заводи истеҳсоли шарикоподшипник

шарить *несов.* 1. кофтан, даст-даст карда кофтан, бо ламс (палмосида) кофтан; ~ **у себя в карманах** кисаи худро кофтан; ~ **в темноте** дар торикӣ даст-даст карда кофтан 2. *перен.* ҷусту-ҷӯ (кофтуков) кардан ◇ ~ **глазами** чашм давондан

шарк *межд. в знач. сказ. разг.* шарти зад (задам, задӣ *ва г.*); ~ **ногой** шарти пой қатӣ зад

шарканье *с* (*по знач. гл.* **шаркать**) шап-шапкунӣ; шап-шап кардан(и); *(звуки)* шап-шап, ширт-ширт

шаркать *несов.* 1. шап-шап кардан, ширт-ширт (хишир-хишир) кардан; ~ **ногами** пойҳоро совиш дода роҳ рафтан 2. пошна ба ҳам задан *(дар мавриди саломи низомӣ)*

шаркнуть *сов.* 1. *однокр. к* **шаркать**; 2. *кого-что и без доп. прост.* партофтан, ҳаво додан; задан

шаркун *м разг.* олуфта

шарлатан *м* фиребгар, каллоб, луттӣ

шарлатанить *несов. разг.* фиребгарӣ (каллобӣ) кардан, луттибозӣ кардан

шарлатанка *женск. к* **шарлатан**

шарлатанский, -ая, -ое фиребгарона, каллобона, луттиёна

шарлатанство *с* фиребгарӣ, каллобӣ, луттигӣ, ҳуққабозӣ

шарлах *м уст.* кирмиз

шарлаховый, -ая, -ое қирмизӣ

шарм *м книжн.* дилрабоӣ, дилфиребӣ, ҷозиба, фаттонӣ

шарманк||а *ж* сантур, *шарманка (як навъ асбоби мусиқӣ аз қабили арғунун)*; **играть на** ~**е** шарманка навохтан ◇ **крутить (заводить)** ~**у** *прост.* гапи поринаро такрор ба такрор гуфтан

шарманщик *м* сантурӣ, шарманкачӣ

шарнир *м* ошиқ-маъшуқ, часпак

шарнирн||ый, -ая, -ое ...и ошиқ-маъшуқ, ошиқ-маъшуқдор; ~**ый механизм** механизми ошиқ-маъшуқдор; ~**ое соединение** пайвасти ошиқ-маъшуқ

шаровары *тк. мн.* шалвор

шаровать *сов., несов. что с.-х.* ҷӯякҳоро каланд (хишова) кардан

шаровидн||ый, -ая, -ое (шаровид|ен, -на, -но) курашакл, лӯнда; ~**ая молния** барқи курашакл

шаровка *ж с.-х.* (*по знач. гл.* **шаровать**) каландкунӣ, хишоваи ҷӯякҳо

шаров||ой, -ая, -ое 1. ...и кура, ...и гулӯла, ...и кулӯла; ~**ая поверхность** сатҳи кура 2. курашакл, лунда; ~**ая молния** барқи курашакл 3. саққои *(қисмҳои курашакл дошта)*; ~**ая мельница** осиёи саққой

шаромыга *м, ж прост. см.* **шаромыжник**

шаромыжник *м прост., бран.* суллох, сакалту, гадо

шаромыжничать *несов. прост.* суллохӣ (гадоӣ) кардан

шаромыжничество *с прост.* суллохӣ, сакалтугӣ, гадоӣ

шаромыжный, -ая, -ое *прост.* ...и суллох, ...и сакалту, ...и гадо

шарообразный, -ая, -ое (шарообраз|ен, -на, -но) *см.* **шаровидный**

шарф *м* гарданпеч, шарф; **шёлковый** ~ гарданпечи шоҳӣ; **повязать шею** ~**ом** ба гардан шарф бастан

шасси *с нескл. тех.* шассӣ

шасталка *ж с.-х.* муқашшаркунак

шастанье *с* (*по знач. гл.* **шастать**) муқашшаркунӣ; пай задан(и)

шастать *несов.* 1. *что с.-х.* муқашшар кардан; ~ **пшено** арзанро сук кардан 2. *прост.* *(бродить, шнырять)* пай задан

шасть *межд. в знач. сказ. прост.* липпи пайдо шуд (шуданд)

шатание *с* 1. (*по знач. гл.* **шатать**) ҷунбондан(и), лиққондан(и); (*по знач. гл.* **шататься**) ҷунбиш, калавиш; саёқгардӣ, оворагардӣ; **бесцельное** ~ оворагардӣ 2. *перен.* дудилагӣ 3. *перен. уст.* тардид, ҳаяҷон, ошӯб, шӯр

шатать *несов. кого-что* 1. ҷунбондан, ларзондан, лиққондан; ~ **столб** симчӯбро ҷунбонак кардан 2. *безл.* *(от болезни и т. п.)* калавидан, такон хурдан

шата||ться *несов.* 1. ҷунбидан, ларзидан, калавидан; **зуб** ~**ется** дандон ҷунбонак шудааст 2. *(от болезни, усталости и т. п.)* калавидан; **он** ~**ется от усталости** вай аз беҳолӣ мекалавад 3. *перен.* дар хатар будан, ноустувор шудан 4. *прост.* саёқ-саёқ (бекор) гаштан; ~**ться без дела** саёқ-саёқ гаштан, сарсари гаштан 5. *страд.* ҷунбонда (ларзонда) шудан, ҷунбиш хурдан

шатен *м* марди муяш қаҳваранг

шатенка *женск. к* **шатен**

шатёр *м* 1. чодар, хиргоҳ, хайма; **цыганский** ~ хаймаи лулиён; **раскинуть** ~ хайма задан // соя; **под шатрами берёз** дар таки сояи тус 2. *архит. ист.* шервона; **шатры кремлёвских башен** шервонаҳои бурҷҳои Кремль 3. *охот.* *(сеть)* тур, дом

шатия *м прост. презр.* гурӯҳи сакалтуҳо

шатк||ий, -ая, -ое (шат|ок, -ка, -ко) 1. лиққонак, ҷунбонак, шалак; ~**ий стол** мизи шалак; ~**ие ступеньки**

зинаҳои лиқконак (чунбонак) // калавида-калавида, калавон; ~ая походка гашти калавон 2. *перен.* бебақо, нопойдор, суст; ~ие основания далелҳои суст; ~ое положение вазъияти бебақо; ~ое здоровье саломатии суст; ~ие взгляды ақидаҳои нопойдор ◊ ни ~о ни валко як навъ, миёна, на нағзу на бад

шаткость *ж* лиқконак (чунбонак) будан(и), ноустуворӣ; ~ обвинений сустии айбгузорӣ; ~ убеждений ноустувории ақидаҳо

шатнуть *сов. однокр. к* **шатать**

шатнуться *сов. однокр. к* **шататься**

шатров||ый, -ая, -ое шерозӣ; ~**ая крыша** боми шерозӣ

шатун *м* 1. *тех.* шатун *(даста ё бозуи ҳаракатдиҳандаи чарх)*; 2. *прост. (бродяга, бездельник)* сакалту, саёқ, бекорагард, бекорхуҷа 3. *охот. и обл.* хирси сакалту *(хирсе, ки тирамоҳ дар лонаи худ нахобида тамоми зимистон дар бешазор мегардад)*

шатунн||ый, -ая, -ое *тех.* ...и шатун; шатунӣ; ~**ые вкладыши** таҳмонҳои шатун; ~**ый механизм** механизми шатун

шафер *м* падарвакил *(дар маросими никоҳ)*

шаферский, -ая, -ое ...и падарвакил

шафран *м* 1. *бот.* заъфарон, заъфар; **запах** ~**а** бӯи заъфарон 2. себи заъфарӣ

шафранн||ый, -ая, -ое 1. заъфаронӣ, ...и заъфарон, заъфарӣ; ~**ый цветок** гули заъфарон 2. *(оранжево-жёлтый)* заъфаронӣ, заъфаргун; ~**ый цвет заката** заъфаронии ранги ғуруб 3. ...и себи заъфарӣ; ~**ое яблоко** себи заъфарӣ

шафрановый, -ая, -ое *см.* **шафранный** 2

шах I *м* шоҳ, подшоҳ

шах II *м шахм.* кишт; **объявить** ~ кишт додан

шахер-махер *м прост.* дағобозӣ, луттибозӣ

шахиншах *м* шоҳаншоҳ

шахиня *ж* малика

шахматист *м* шоҳмотбоз, шатранҷбоз

шахматистка *женск. к* **шахматист**

шахматн||ый, -ая, -ое 1. ...и шоҳмот, ...и шатранҷ; ~**ая доска** тахтаи шоҳмот (шатранҷ); ~**ый турнир** мусобиқаи шоҳмотбозӣ; ~**ый чемпионат** мусобиқаи шоҳмотбозон, чемпионати шоҳмотбозӣ 2. катак-катак; **в** ~**ом порядке** ба шакли катак-катак

шахматы *тк. мн.* шоҳмот, шатранҷ, шоҳмотбозӣ; **играть в** ~ шоҳмотбозӣ кардан

шаховать *несов. шахм.* кишт додан

шахский, -ая, -ое ...и шоҳ, ...и подшоҳ, шоҳӣ, подшоҳӣ; ~ **престол** тахти подшоҳ

шахта *ж* 1. кон; **каменноугольная** ~ кони ангиштсанг 2. *тех.* чоҳ; ~ **лифта** чоҳи лифт

шахтёр *м* шахтёр, коргари кон, конкан

шахтёрка *ж разг.* 1. занаки шахтёр 2. *(жена шахтёра)* зани шахтёр, зани коргари кон 3. *(костюм)* либоси шахтёрӣ; *(шляпа)* кулоҳи шахтёрӣ

шахтёрск||ий, -ая, -ое ...и шахтёр, шахтёрӣ; ~**ая лампа** лампаи (фонуси) шахтёрӣ

шахтн||ый, -ая, -ое ...и кон; ~**ое крепление** кафасаи нақби кон; ~**ое оборудование** таҷҳизоти кон; ~**ый подъём** кашаки чоҳи кон; лифти кон; ~**ый ствол** *горн.* чоҳи кон

шахтов||ый, -ая, -ое ...и кон; ~**ые подпорки** тиргакҳои нақби кон

шахтоподъёмник *м* лифти кон

шахтоуправление *с* идораи (мудирияти) кон

шашель, шашень *м уст. и обл.* митта, ғаломус, кирми чарм

шашечница *ж* 1. *уст. (доска)* тахтаи дамка, тахтаи дамкабозӣ 2. *(коробка)* қуттии [муҳраҳои] дамка

шашечн||ый, -ая, -ое ...и дамкабозӣ; ~**ый турнир** мусобиқаи дамкабозӣ; ~**ая доска** тахтаи дамка

шашист *м* дамкабоз; **турнир** ~**ов** мусобиқаи дамкабозон

шашистка *женск. к* **шашист**

шашк||а I *ж* 1. *мн.* **шашки** дамка, дамкабозӣ; **игра в** ~**и** дамкабозӣ 2. *(фигура)* дона, муҳра; **подвинуть** ~**у** муҳраро рондан 3. *(кусок камня, дерева)* сангпора, ғӯла, санги чортарош *(барои фарши кучаву роҳҳо ва ғ.)* 4. курса *(пораи рехтаи мустаҳками доруи тарканда)*; **запальная** ~**а** курсаи пешдаргирон; **дымовая** ~**а** *с.-х., воен.* курсаи дудбарор ◊ **в** ~**у** катак-катак

шашк||а II *ж (оружие)* шамшер; **вложить** ~**у в ножны** шамшерро ба ғилоф андохтан

шашлык *м кул.* кабоб, сихкабоб, шашлик

шашлычная *ж* дӯкони кабобпазӣ (шашликпазӣ)

шашлычный, -ая, -ое ...и шашлик, ...и сихкабоб

шашни *тк. мн. разг.* 1. дасисаҳо, макрунайранг, чатоқиҳо 2. ишқбозӣ

швабр||а *ж* пайкора *(асбоби чилликмонанди дастадароз, ки ба нугаш латта печонда фаршро мешӯянд)*; **мыть палубу** ~**ой** саҳни киштиро бо пайкора шустан

шваль *ж прост.* 1. *собир.* лашулуши партов 2. одами ночиз, нокас, сифла

швальня *ж уст.* дукони дузандагӣ, дарзихона

шварк *межд. в знач. сказ.* гуппи партофт (партофтам, партофти *ва ғ.*); **он его** ~ **в угол!** вай уро гуппи ба кунҷ партофт

шваркать *несов. см.* **шваркнуть**

шваркаться *несов. см.* **шваркнуться**

шваркнуть *сов., однокр. кого-что прост.* 1. гуппи партофтан; гурсос зада партофтан 2. башаст (сахт) задан; ~ **по спине** гурси ба тахтапушт задан 3. шалпос зада пошидан; ~ **кипятком** оби ҷушро шалпос зада пошидан

шваркнуться *сов. однокр. прост.* 1. гурсос зада афтидан, башаст ғалтидан; ~ **на пол** гурсос зада ба фарш афтидан 2. сахт бархурдан; ~ **об стену** ба девор сахт бархурдан

швартов *м мор.* миҳор; маҳор *(тانобе ғавси нӯки киштӣ, ки онро ба мехи бандар устувор мекунанд)*; **отдать** ~**ы** миҳорро сар додан

швартование *с мор.* *(по знач. гл.* **швартовать**) миҳор бастан(и)

швартовать *несов. что мор.* миҳор бастан

швартоваться *несов. мор. (о судах)* миҳор баста шудан

швартовить *несов. см.* **швартовать**

швартовка *ж см.* **швартование**

швартовный, -ая, -ое *см.* **швартовый**

швартовый, -ая, -ое *мор.* ...и миҳор

швах *в знач. сказ. разг.* 1. *в чём (несведущ, слаб)* нобалад (суст) аст 2. *в знач. сказ.* чатоқ (ганда) аст; **дела у него** ~ корҳои вай чатоқ аст

швед *м* швед

шведка *ж* занаки швед, шведдухтар

шведск||ий, -ая, -ое шведӣ, ...и Швеция, швециягӣ; ~**ий язык** забони шведӣ ◊ ~**ая муха (мушка)** ғаломус; ~**ие спички** гугирди шведӣ *(номи гӯгирди аввалин)*; ~**ая стенка** *спорт.* нардбондевори варзишгарӣ

шведы *мн.* шведҳо, халқи Швеция

швейка *ж разг. уст. см.* **швея**

швейник *м* дӯзанда, хайёт

швейница *ж* занаки дузанда, чевар, занаки дарздуз

швейн||ый, -ая, -ое ...и дӯзандагӣ, ...и либосдӯзӣ; ~**ая машина** мошини чокдӯзӣ (дарздӯзӣ); ~**ая игла** сӯзани мошини дарздузӣ

швейцар *м* дарбон

швейцарец *м* швейцариягӣ

швейцарка *ж* занаки (духтари) швейцариягӣ

швейцарский I, -ая, -ое швейцариягӣ, ...и Швейцария, ...и швейцариягиҳо

швейцарск||ий II, -ая, -ое ...и дарбон; ~**ая ливрея** либоси дарбон

швеллер *м тех.* новаболор *(болорҳои оҳании новамонанд; як намуди прокат)*

швеллерн||ый, -ая, -ое *тех.* новаболорӣ, ...и новаболор; ~**ое железо** новаболори оҳанӣ

швертбот *м мор.* швертбот *(киштии бодбонии махсуси варзиш ва сайр)*

швец *м* 1. *уст. и обл.* либосдӯз, мошиначӣ, дузанда, дарзӣ 2. музадуз, кафшдуз, маҳсидуз *(дар Украина)* 3. *полигр.* шерозабанд; шерозадуз ◊ [и] ~, и **жнец, и в дуду игрец** *погов.* Салими ҳамакора (садкора), даҳ дасташ ҳунар

швея *ж уст.* чокдӯз, дарзӣ, занаки дузанда; коргарзани дузандагӣ, хайёта

шворень *м см.* **шкворень**

швырков||ый, -ая, -ое ...и ғӯлача; ~**ые дрова** ғулачаи ҳезумбоб

швырнуть *сов. однокр. см.* **швырять**

швыр||ок *м* 1. *разг.* партоиш, шарти партофган(и) 2. *собир.* ғулача 3. тамуки мутаҳаррик; **стрельба по** ~**кам** тирандозӣ ба тамуки мутаҳаррик

швыряние *с (по знач. гл.* **швырять**) партофтан(и), ҳаво додан(и), ғуррондан(и), партоиш, ҳаводиҳӣ, ғуррониш;

(*по знач. гл.* **швыряться**) партофташавӣ, ғуррондашавӣ, андохташавӣ

швыря́||ть *несов.* 1. *чем, кого-что* партофтан, ғуррондан, андохтан, ҳаво додан; **~ть камня́ми** сангпарронӣ кардан, санғурронӣ (сангандозӣ) кардан // *чаще безл.* алвонҷ хӯрдан, лаппондан; **его́ ~ло из стороны́ в сто́рону** у аз тарафе ба тарафе алвонҷ мехурд 2. *чаще безл. разг.* партофтан, андохтан; **куда́ его́ то́лько не ~ло!** зиндаги уро ба куҷоҳое набурд! ◇ **~ть де́ньги (деньга́ми), ~ть де́ньги на ве́тер** пулро бар бод додан

швыря́ться *несов. разг.* 1. *чем* ба ҳамдигар ҳаво додан, ба ҳамдигар ғуррондан (партофтан); **~ камня́ми** ба ҳамдигар сангғуррон̣ӣ кардан 2. *перен. кем-чем* ба назари эътибор нагирифтан, ҳурмат накардан; қадрношиноси кардан; **нельзя́ ~ людьми́** одамонро хор кардан лозим нест 3. *страд.* андохта шудан ◇ **~ деньга́ми** пулро бар бод додан, пулро исроф додан

шебарши́ть *несов. прост.* хишир-хишир кардан, шақар-шақар кардан

шевеле́ние *с* (*по знач. гл.* **шевели́ть**) ҷунбониш, ба ҳаракат овардан(и), титкунӣ; (*по знач. гл.* **шевели́ться**) ҷунбишхӯрӣ

шевели́||ть *несов.* 1. *что* ҷунбондан, ба ҳаракат овардан; тит кардан; **ве́тер ~л верху́шки дере́вьев** шамол нуги дарахтонро меҷунбонид 2. *кого-что перен.* ангехтан, барангехтан; **~ть ду́шу** ба тори дил нохун задан 3. *чем* оҳиста ҷунбондан; **~ть губа́ми** лаб ҷунбондан 4. *что с.-х.* тагу рӯ кардан; **~ть се́но** хасбедаро тагуру (рӯгардон) кардан ◇ **~ть мозга́ми** *прост.* ақл давондан

шевел||и́ться *несов.* 1. ҷунбидан, ҷунбиш хурдан; **ли́стья ~я́тся от ве́тра** баргҳо аз шамол меҷунбанд; **не ~ясь** наҷунбида 2. *перен.* ба ҷунбиш даромадан; **городо́к уже начина́л ~и́ться** шаҳр ба ҷунбиш даромад 3. *(о чувствах, мыслях и т. п.)* пайдо шудан, бедор шудан; **~я́тся подозре́ния** шубҳа пайдо шуд 4. *повел.* **~и́сь!, ~и́тесь!** канӣ, ҷунб! канӣ, тез бош! канӣ, ҷунбетон! канӣ, тез бошетон! 5. *страд.* ҷунбонда шудан, ба ҳаракат оварда шудан

шевельн||у́ть *сов. однокр. к* **шевели́ть** 1—3; ◇ **и [да́же] бро́вью не ~у́л** пинакашро вайрон накард, мижааш ҳам нахурд; **он и па́льцем не ~ёт** у ҳатто обн шикамашро намеҷунбонад

шевельну́||ться *сов. однокр. к* **шевели́ться** 1—3; **в нём ~лось сомне́ние** дар дили вай шаке пайдо шуд

шевелю́ра *ж* муйсари фах; **пы́шная ~** муи фахида (басавлат)

шевио́т *м* шевиот (1. *зоти гусфанди пашмаш кутоҳу нимамаҳини англисӣ* 2. *матои пашмини мулоими паташ паст*)

шевио́товый, -ая, -ое ...и шевиот

шевре́т *м* шеврет (*як намуди чарм*)

шевре́товый, -ая, -ое ...и шеврет

шевро́ *с нескл.* шевро

шевро́в||ый, -ая, -ое ...и шевро, шевроӣ; **~ая ко́жа** чарми кемухт; **~ые ту́фли** туфлии кемухтӣ

шевро́н *м воен.* атфи остин; атфостин *(аломати зовияшакли сари остини либоси низомӣ)*

шевро́нный, -ая, -ое 1. *воен.* ...и атфостин 2. *тех.* дандоначарх

шеде́вр *м* шоҳасар, шоҳкор; **~ поэ́зии** шоҳасари назм

шезло́нг *м* шезлонг *(курсии махсуси истироҳату фароғат, ки кушодаву ғундошта мешавад)*

ше́йка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **ше́я**; 2. гардана; **~ ва́ла** *тех.* гарданаи наворд; **~ позвонка́** гарданаки мухра 3. дунболаки харчанг

ше́йн||ый, -ая, -ое ...и гардан, гарданӣ; **~ые позвонки́** мӯҳраҳои гардан; **~ая мускулату́ра, ~ые мы́шцы** мушакҳои гардан // ...и гардан, гарданпеч; **~ый плато́к** руймоли гарданпеч

шейх *м* шайх

ше́леп *м уст.* қамчин, тозиёна

ше́лест *м* хишир-хишир, шибир-шибир; **~ ли́стьев** шибир-шибири баргҳои дарахт; **~ пла́тья** хишир-хишири курта

шелесте́ть *несов.* хишир-хишир (шибир-шибир) кардан, хиширрос задан

шёлк *м* 1. *(волокно)* ғози абрешим, нахи абрешим, абрешим, шоҳӣ; *(нитки)* риштаи абрешим; **ткать ~** шоҳи бофтан; **~-сыре́ц** абрешими хом 2. *(ткань)* шоҳӣ; **натура́льный ~** шоҳии асил; **иску́сственный ~** шоҳии сунъӣ; **кручёный ~** абрешими дутоба (тофта) 3. *(одежда)* либосхон шоҳӣ; шоҳивор; **оде́та в шелка́** шоҳипуш; **пальто́ на шелку́** пальтои астаршоҳӣ 4. *перен. (о мягком, покладистом человеке)* одами ҳалим, одами мулоимтабиат ◇ **в долгу́, как в шелку́** *погов.* то гуш ба қарз ғутида

шёлко- *кисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «абрешим»:* **шёлкопряди́льня** корхонаи абрешимресӣ

шелкови́на *ж* 1. *(шёлковое волокно)* ғози абрешим 2. *см.* **шелкови́нка**

шелкови́нка *ж* нахи (риштаи, тори) абрешим

шелкови́стость *ж* абрешиммонандӣ, шоҳимонандӣ, нармӣ, маҳинӣ; **~ воло́с** нармии муй

шелкови́ст||ый, -ая, -ое (шелкови́ст, -а, -о) абрешиммонанд, шоҳимонанд; мулоим, нарм; **~ая ткань** матои шоҳимонанд; **~ые во́лосы** муи маҳин; **~ая трава** сабза

шелкови́ца *ж бот.* дарахти тут

шелкови́чн||ый, -ая, -ое ...и кирмакпарварӣ, ...и пилла; **~ые планта́ции** тутзорҳо, тутистонҳо; **~ое де́рево** *см.* **шелкови́ца**; **~ый червь** кирми пилла, кирмак

шелково́д *м* кирмакпарвар, пиллапарвар, кирмакдор

шелково́дный, -ая, -ое ...и кирмакпарварӣ, ...и пиллапарварӣ, ...и кирмакдорӣ

шелково́дство *с* кирмакпарварӣ, пиллапарварӣ, кирмакдорӣ

шелково́дческий, -ая, -ое ...и кирмакпарварӣ, ...и пиллапарварӣ, ...и кирмакдорӣ; **~ райо́н** районн кирмакпарварӣ

шелко́вый, -ая, -ое *фольк. см.* **шёлковый** 2

шёлков||ый, -ая, -ое 1. абрешими, абрешимин, ...и абрешим; **~ое волокно́** ғози абрешим; **~ая нить** риштаи абрешим; **~ая мате́рия** газвори абрешими; **~ые чулки́** ҷуробҳои шоҳӣ 2. абрешимранг, абрешимгун, абрешиммонанд; **~ые во́лосы** муйҳои абрешиммонанд, муйҳои маҳин 3. *перен. разг.* нармху, ҳалим, гапдаро; **он стал ~ый** вай абрешим барин мулоим шудааст

шёлкокомбина́т *м* комбинати абрешимбофӣ (шоҳибофӣ)

шёлкокруче́ние *с* абрешимресӣ

шёлкомота́льный, -ая, -ое ...и пиллакашӣ; **~ стано́к** дастгоҳи пиллакашӣ

шёлкомота́льня *ж* корхонаи пиллакашӣ

шёлкомота́ние *с* пиллакашӣ

шёлкообраба́тывающ||ий, -ая, -ее ...и абрешим; **~ая промы́шленность** саноати абрешим

шёлкоотде́лочн||ый, -ая, -ое ...и шоҳипардоздиҳӣ, кудунггарӣ; **~ая фа́брика** фабрикаи шоҳипардоздиҳӣ

шелкопря́д *м зоол.* кирмак, шапалаки (парвонаи) кирмак; **ту́товый ~** кирмаки пилла

шёлкопряде́ние *с* абрешимресӣ

шёлкопряди́льн||ый, -ая, -ое ...и абрешимресӣ; **~ая маши́на** мошини абрешимресӣ

шёлкопряди́льня *ж* корхонаи абрешимресӣ

шёлкотка́цк||ий, -ая, -ое ...и шоҳибофӣ; **~ая фа́брика** фабрикаи шоҳибофӣ

шёлкоткачество *с* шоҳибофӣ

шелла́к *м* шилм

шелла́ковый, -ая, -ое ...и шилм

шело́м *м уст. поэт. см.* **шлем**

шелохну́||ть *сов.* 1. *что, чем* ҷунбондан, такон додан; **ве́тер ~л занаве́ски** шамол пардаро лаппонд 2. *см.* **шелохну́ться**

шелохн||у́ться *сов.* ҷунбидан, такон хурдан; **не ~ётся лист** барги дарахт ҳам намеҷунбад; **стои́т не ~ётся** ҳайкал барин истодааст

шелуди́веть *несов. прост.* кутур (гар, гаргин) шудан

шелуди́вый, -ая, -ое (шелуди́в, -а, -о) *прост.* кутур, гар, гаргин; **~ пёс** саги кутур

шелуха́ *ж* 1. пучоқ, пуст; **картофе́льная ~** пучоқи картошка, пусти картошка 2. *перен.* ғубор

шелуше́ние *с* (*по знач. гл.* **шелуши́ть**) муқашшаркунӣ; пустравонӣ, донакуӣ; (*по знач. гл.* **шелуши́ться**) пустпартоӣ; **~ зерна́** донакунии ғалла; **~ ко́жи** пустпартоӣ

шелуши́ть *несов. что* пӯст равондан, муқашшар кардан; **~ горо́х** нахудро муқашшар кардан

шелуши́т||ься *несов.* 1. *(о коже)* пӯст партофтан; **лицо́ ~ся** руй пӯст партофт 2. *(о краске, лаке и т. п.)* раф тан, рехтан; **штукату́рка ~ся** андова

андова рехта истодааст 3. *страд.* пўст канда шудан

шéльма *м. ж прост.* фиребгар, доғулӣ, айёр // *бран.* баттол, нобакор // *(выражение восхищения)* шайтон бало

шельмéц *м прост. см.* **шéльма**

шельмовáние *с* 1. *разг.* (*по знач. гл.* **шельмовáть** 1) беобрўкунӣ, бадномкунӣ, доғдоркунӣ 2. *ист.* радди маърака-кунӣ, часодиҳӣ, рўсиёҳкунӣ *(як намуди часо дар Россияи асри 18 барои дворянҳо)*

шельмовáть *несов. кого-что* 1. *разг.* беобрў (бадном, расво) кардан; ~ **чéстного человéка** одами бовиҷдонро бадном кардан 2. *ист.* ҷазои шармандагӣ додан

шельмовáться *несов.* беобру карда шудан

шельмовскóй, -áя, -óе *прост.* ...и қаллоб, қаллобона, ҳилагарона, маккорона; ~ **вид** намуди маккорона, афту башараи қаллобона

шельмовствó *с прост.* 1. ҳилагарӣ, фиребгарӣ, қаллобӣ; чатоққорӣ 2. рафтори маккорона

шельф *м* тунукоба; **морскóй** ~ тунукобаи баҳр

шелю́га *ж бот.* сурхбед

шематóн *м уст. см.* **шалопáй**

шемáя *ж* вол, вола, воламоҳӣ

шемизéтка *ж уст.* 1. камзулча 2. *(вставка)* судра

шемя́кин, -а, -о: ~ **суд** суди боғараз (боғаразона), суди ноинсофона (беадолат)

шéнкель *м:* **дать шенкеля** нихта задан, нуққӣ кардан

шепеля́вить *несов.* шаф-шаф карда гап задан

шепеля́вый, -ая, -ое (шепеля́в, -а, -о) шаф-шафкунон гапзананда

шепнýть *сов. однокр. к* **шептáть** 1, 2, 3

шёпот *м* 1. пичиррос, пичир-пичир; **сни́зить гóлос** до ~а овозро паст карда пичир-пичир гап задан 2. *перен.* шилдиррос; ~ **ручья́** шилдирроси оби ҷуйча 3. *разг.* миш-миш, овоза, хабар

шепоткóм *нареч. разг. см.* **шёпотом**

шепотóк *м разг. см.* **шёпот**

шёпотом *нареч.* пичиррос зада; **говори́ть** ~ пичиррос зада гап задан

шепталá *ж собир.* шафтолуқоқ

шептáние *с* (*по знач. гл.* **шептáть**) пичир-пичиркунӣ, пичиррросзанӣ

шептá||ть *несов.* 1. *что и без доп.* пичир-пичир кардан, пичиррос задан; **он** ~**л про себя** худ ба худ пичиррос мезад; ~**ть нá ухо** гўшакӣ гап задан, саргушӣ кардан 2. *перен.* хиширрос (шалаппос) задан; **мóре ти́хо** ~**ло** оби баҳр оромона шалаппос мезад 3. *что или с придат. доп.* оҳистекак гуфтан; пинҳонӣ гуфтан 4. *на что уст. обл.* *(колдовать)* ҷоду (сеҳр, афсун) кардан 5. *уст. см.* **шептáться**

шептáться *несов.* 1. ба ҳамдигар пичиррос задан, пичир-пичир кардан 2. суханчинӣ (хабаркашӣ, ғайбат) кардан 3. *перен.* шилдиррос задан

шептýн *м* 1. *разг.* пичир-пичиркунанда, пичирросзананда; 2. *разг.* ғайбатчӣ, суханчин, хабаркаш 3. *уст.* афсунгар, соҳир

шептýнья *женск. к* **шептýн** 1, 2

шербет *м* шарбат

шерéнг||а *ж* қатор, саф; **стать в две** ~**и** ду қатор шуда истодан ◇ **быть (находи́ться, стоя́ть) в однóй** ~**е** *с кем-л.* 1) ҳамдаст (шарик) будан 2) дар як рад будан, баробарӣ доштан

шери́ф I *м* шериф *(мансабдор дар Англия, США, Ирландия, ки вазифаи давлатӣ ва судиро иҷро мекунад)*

шери́ф II *м* сайид

шерл *м мин.* забарҷади тира

шероховáтос||ть *ж* 1. шахшўлӣ, дағарбуғурӣ, ноҳамворӣ; ~**ть повéрхности** шахшулии сатҳ; ~**ти на доскé** дағар-буғурҳои рўи тахта 2. *перен.* муғлақии услуб, нутқ; ~**ть сти́ля** дағалии услуб // *мн.* **шероховáтости** *перен.* носозӣ

шероховáт||ый, -ая, -ое (шероховáт, -а, -о) 1. шахшўл, дағар-буғур; ~**ая повéрхность доски́** сатҳи дағар-буғури тахта; ~**ая бумáга** қоғази шахшўл 2. *перен. (о речи, стиле и т. п.)* дағал; носуфта; ~**ый стиль** услуби муғлақ; ~**ые стихи́** шеъри носуфта 3. *перен.* сард, носоз; ~**ые отношéния** муносибатҳои сард

шéрпы *мн.* шерпҳо *(кўҳистониёни Ҳимолой, ки дар Непал ва Ҳиндустон зиндагонӣ мекунанд)*

шерстезаготови́тельный, -ая, -ое пашмхаридкунанда; ...и пашмхаридкунӣ, ...и пашмғундорӣ

шерстезаготóвки *мн.* пашмхаридкунӣ, пашмғундорӣ

шерстеобрабáтывающ||ий, -ая, -ее ...и коркарди пашм; ~**ая промы́шленность** саноати коркарди пашм

шерсти́иа *ж разг. см.* **шерсти́нка**

шерсти́нка *ж* 1. як тори пашм, як тори мўй 2. риштаи пашм

шерсти́стость *ж* серпашмӣ, пурпашмӣ; ~ **овéц** серпашмии гусфандҳо

шерсти́ст||ый, -ая, -ое (шерсти́ст, -а, -о) 1. серпашм, пурпашм; ~**ые óвцы** гўсфандҳои пурпашм 2. патдор, серпат; ~**ая ткань** матои патдор

шерсти́ть *несов. кого-что* 1. озурдан; халидан; сахт расидан *(баданро бо либоси пашмин ноҳуҷат кардан)* 2. *перен. разг.* танбеҳ додан, сарзаниш кардан

шёрстк||а *ж ласк. к* **шерсть** пашмак, пашмча, пашми нозук, пашми маҳин ◇ **глáдить по** ~**е** *кого см.* **шерсть (глáдить по шéрсти); глáдить прóтив** ~**и** *кого см.* **шерсть (глáдить прóтив шéрсти)**

шёрстность *ж с.-х.* серпашмӣ, серпашм будан(и); ~ **овéц** серпашм будани гуспандҳо

шёрстн||ый, -ая, -ое 1. пашмин; ~**ый покрóв живóтных** пашми бадани ҳайвонот 2. *с.-х.* серпашм; ~**ые порóды овéц** зотҳои серпашми гуспандон; ~**ая козá** бузи серпашм

шерсто- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои пашм:* **шерстонóсный** пашмдиҳанда

шерстоби́т *м* наддофи пашм, тингтингчӣ

шерстоби́тн||ый, -ая, -ое ...и наддофии пашм; ~**ая рабóта** наддофии пашм, тинг-тинг (тит) кардани пашм

шерстобóй *м обл. см.* **шерстоби́т**

шерстобóйка *ж* 1. *(инструмент)* пашмтиткунак, савачуби пашм 2. *см.* **шерстобóйня**

шерстобóйный, -ая, -ое *обл. см.* **шерстоби́тный**

шерстобóйня *ж* наддофхона

шерстокры́лы *мн.* (*ед.* **шерстокры́л** *м*) *зоол.* болпашмҳо *(хели кўршабпаракҳо)*

шерстомóечн||ый, -ая, -ое ...и пашмшўӣ; ~**ая маши́на** мошини пашмшуӣ, пашмшуяк

шерстомóйка *ж* 1. мошини пашмшуӣ; пашмшуяк 2. *см.* **шерстомóйня**

шерстомóйн||ый, -ая, -ое ...и пашмшуӣ; ~**ое произвóдство** истеҳсолоти пашмшуӣ

шерстомóйня *ж* корхонаи пашмшуӣ

шерстонóсность *ж* серпашмӣ, серпашм будан(и)

шерстонóсный, -ая, -ое серпашм

шерстопрядéние *с* пашмресӣ

шерстопряди́льн||ый, -ая, -ое ...и пашмресӣ; ~**ая фáбрика** фабрикаи пашмресӣ

шерстопряди́льня *ж* корхонаи пашмресӣ

шерстоткáцк||ий, -ая, -ое ...и пашминабофӣ; ~**ая фáбрика** фабрикаи пашминабофӣ

шерстоткáчество *с* пашминабофӣ

шерстотрепáльный, -ая, -ое ...и пашмтиткунӣ, ...и наддофии пашм

шерсточесáлка *ж* пашмтозакунак, пашмшонакунак

шерсточесáльн||ый, -ая, -ое ...и пашмтозакунак, ...и пашмшонакунак; ~**ая маши́на** мошини пашмтозакунак

шерст||ь *ж* 1. пашм; **густáя** ~**ь** пашми ғафс // *уст. и прост. (масть животного)* ранги (зоти) асп 2. *(волокно для пряжи)* пашм, нахи пашм; ~**ь осéнней чёски** пашми тирамоҳӣ 3. *(пряжа, нитки)* пашми ресида; **мотóк** ~**и** калобаи пашм 4. *(ткань)* матои пашмина; **плáтье из си́ней** ~**и** куртаи пашминаи ҳаворанг ◇ **глáдить по** ~**и** *кого* навозиш кардан; **глáдить прóтив** ~**и** *кого* танбеҳ додан

шерстя́нка *ж* матои пашминамонанд

шерстян||óй, -áя, -óе 1. пашмин, пашмина, ...и пашм; ~**óй покрóв живóтных** пашми ҳайвонот 2. коркарди пашмина; ~**áя промы́шленность** саноати коркарди пашмина 3. пашмин, пашмина; ~**áя ткань** матои пашмин; ~**óй костю́м** костюми пашмин; ~**ы́е чулки́** ҷуробҳои пашмин

шерхéбель *м* досранда

шершáветь *несов.* дағар-буғур (шахшул) шудан

шершáвить *несов. что разг.* дағарбуғур (шахшул) кардан

шершавиться *несов. разг.* 1. *см.* **шершаветь; 2.** *страд.* дағар-бугур карда шудан

шершавость *ж* дағар-буғурӣ, шахшулӣ; ~ **ладоней** шахшулии кафи даст

шершав||ый, -ая, -ое (шершав, -а, -о) 1. дағар-буғур, шахшул, дастхарош, дурушт; ~**ая кожа** пусти дурушт; ~**ая бумага** қоғази шахшул; ~**ое одеяло** кампали дурушт 2. *уст.* пахмокмуй, жулидамуӣ; ~**ая собака** саги жулидамуй

шершень *м зоол.* ору

шершнев||ой, -ая, -ое ...и ору; ~**ое гнездо** хонаи ору; орухона

шест *м* 1. хода, шаст, чуб; **флаг на** ~**е** байраки нуги чуб 2. *спорт.* хода, чуб; **прыжок с** ~**ом** чахиш бо хода

шествие *с* 1. намоиш; **праздничное** ~ намоиши идона; **первомайское** ~ намоиши тантананоки Якуми Май; **торжественное** ~ намоиши бодабдаба; **уличное** ~ *намоиши* кучагӣ 2. кавкаба; **погребальное** ~ маросими ҷаноза 3. *перен.* пешравӣ, пешрафт, тараққӣ

шествование *с книжн.* намоиш

шествовать *несов. книжн.* намоиш кардан

шестерёнка *ж см.* **шестерня** II

шестерёночный, -ая, -ое *тех.* дорои чархи дандонадор; ~ **насос** насоси дорои чархи дандонадор

шестерик *м уст.* 1. *(мера счёта, веса и т. п.)* шестерик *(ченаки махсуси ҳисоб, андоза, ҳаҷм ва ғайраи қадимаи русӣ, ки аз шаш қисм иборат будани онро нишон медиҳад)*; ~ **пшеницы** шаш пуди гандум 2. *(упряжка)* аробаи шашаспа, шашаспа

шестёрка *ж* 1. *(цифра)* шаш, рақами шаш // *разг. (троллейбус, автобус и т. д.)* автобуси шашум 2. *(группа из шести единиц)* шаш кас, шаш нафар, шашта 3. *карт.* шашӣ, қартаи шашхола 4. *(упряжка)* аробаи шашаспа, шашаспа 5. *спорт.* қаиқи (завраки) шашбела

шестерн||ой, -ая, -ое *разг* 1. *(из шести частей)* шашафзол, шашафзор; ~**ой ножик** корди шашафзол 2. шашкарата, шашчанд; ~**ое количество** миқдори шашкарата

шестерня I *ж разг. см.* **шестёрка** 3

шестерня II *ж тех.* чархи дандонадор

шестеро *числ. собир.* шаш нафар, шаш кас; ~ **сыновей** шаш писар; **нас было** ~ мо шаш кас будем

шести= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «шаш»:* **шестигранный** шашруя, шашпаҳлу; **шестиэтажный** шашқабата, шашошьёна

шестивесельный, -ая, -ое шашбела

шестигранник *м мат.* шашруя, шашпаҳлу

шестигранный, -ая, -ое шашруя, шашпаҳлу

шестидесятилетие *с* 1. *(срок)* шастсола, муддати шаст сол, шаст сол; **истекшее** ~ *дар шаст соли гузашта* 2. *(годовщина)* шастсолагӣ; ~ **учебного заведения** шастсолагии муассисаи таълимӣ

шестидесятилетний, -яя, -ее 1. шастсола; ~ **старик** пирмарди шастсола 2. шастсолагӣ; ~ **юбилей** ҷашни шастсолагӣ

шестидесятник *м ист.* шестидесятник *(ҷамоатчии фаъоли тараққипарвари солҳои 60-уми асри 19 дар Россия)*

шестидесят||ый, -ая, -ое *числ.* шастум; ~**ые годы** солҳои шастум

шестидневка *ж разг* шашруза, шаш руз

шестидневный, -ая, -ое ...и шашрӯза

шестидюймовка *ж разг.* тупи шашдюйма *(тупест, ки қутри мили он ба шаш дюйм баробар аст)*

шестидюймовый, -ая, -ое шашдюйма; ~ **снаряд** снаряди шашдюйма

шестикилометровый, -ая, -ое шашкилометра; ~ **путь** роҳи шашкилометра

шестиклассник *м* талабаи синфи шашум

шестиклассница *ж* толибаи синфи шашум

шестикласси||ый, -ая, -ое шашсинфа; ~**ое образование** маълумоти синфи шашум

шестиклинка *ж разг.* юбкаи шаштирез

шестикратн||ый, -ая, -ое шашкарата, ...и шаш карат, шаш баробар зиёд, шашчанд; **в** ~**ом размере** ба миқдори шаш карат, шашчанд

шестилетний, -яя, -ее шашсола; ~ **перерыв** танаффуси шашсола; ~ **сын** писари шашсола

шестимесячный, -ая, -ое шашмоҳа; ~ **срок** мӯҳлати шашмоҳа; ~ **щенок** сагбачаи шашмоҳа

шестиметров||ый, -ая, -ое шашметра; ~**ая комната** хонаи шашметра

шестинедельный, -ая, -ое шашҳафтаина; ~ **отпуск** отпуски шашҳафтаина

шестипалость *ж* шашангушта будан(и)

шестипалый, -ая, -ое шашангушта

шестисотый, -ая, -ое *числ.* шашсадум; ~ **номер** номери шашсадум

шеститысячный, -ая, -ое *числ.* шашҳазорум

шестиугольник *м мат.* шашкунҷа, шашгуша

шестиугольн||ый, -ая, -ое шашкунҷа, ...и шаш кунҷ; ~**ая башня** манораи шашкунҷа

шестичасовой, -ая, -ое шашсоата; ~ **рабочий день** рузи кори шашсоата // *(назначенный на шесть часов)* ...и соати шаш; ~ **поезд** поезди соати шаш

шестиэтажный, -ая, -ое шашқабата, шашошьёна; ~ **дом** бинои шашқабата

шестнадцатилетн||ий, -яя, -ее шонздаҳсола; ~**яя девушка** духтари шонздаҳсола

шестнадцат||ый, -ая, -ое *числ.* шонздаҳум; ~**ое число** рузи шонздаҳум; ~**ая страница** саҳифаи шонздаҳум

шестнадцать *числ.* шонздаҳ ◇ **кругом** ~ *прост.* кулли явмин бадтар; замин сахту осмон баланд

шест||ой, -ая, -ое *числ.* 1. шашум; ~**ой час** соат аз панҷ гузашт; **одна** ~**ая** шашьяк, аз шаш як ҳисса: 2. *в знач. сущ.* шестая *ж* шашьяк; **одна** ~**ая мира** шашьяки ҷаҳон ◇ ~**ое чувство** гувоҳии дил

шесток *м* 1. *(у печи)* дамгаҳи печи русӣ 2. *(насест)* чакас, патвоз ◇ **всяк сверчок знай свой** ~ *посл.* ≈ чакаси мурғон дар катак

шестопёр *м ист.* чумоқ, шашпар

шесть *числ.* шаш; **число** ~ шаш; рақами шаш; ~ **человек** шаш нафар, шаш **кас**

шестьдесят *числ.* шаст; ~ **километров** шаст километр; ~ **человек** шаст нафар

шестьсот *числ.* шашсад; ~ **рублей** шашсад сум

шестью *нареч.* шаш карат; ~ **шесть — тридцать шесть** шаш карат шаш-сию шаш

шеф *м* 1. *разг.* сардор, мудир, саркор; ~ **учреждения** сардори муассиса; ~**-повар** сарошпаз, саркори (сардори) ошпазҳо 2. шеф, мутасаддӣ *(шахс ё муассиса)*; **наш завод** — ~ **школы** корхонаи мо шефи мактаб аст

шефск||ий, -ая, -ое ...и шеф, шефӣ; ~**ие обязанности** вазифаҳои шефӣ

шефство *с* шефӣ; **взять** ~ **над кем-чем-л.** касеро ба шефӣ гирифтан

шефствовать *несов.* шефӣ (сарпарастӣ) кардан

шея *ж* гардан; **воловья шея** гардани гафс ◇ **вешаться на шею** 1) *(о женщине)* худро ба гардани марде андохтан, худро ба марде часпондан 2) бисьёр шилкин (дилбазан) шудан; **висеть на шее у кого-л.** 1) ба гардани касе овезон шудан 2) ба касе сахт часпида гирифтан; **вытолкать в шею** *прост.* зада ҳай (пеш) кардан; **гнуть шею** 1) *перед кем* миёнғу шудан 2) косалесӣ кардан; **гнать в шею (в три шеи)** *прост.* зада ҳай кардан; **дать по шее кому-л.** зада ҳай кардан; пеш кардан; **навязался ты на мою шею!** ту ба ман дарди сар шудӣ!; **надеть петлю на шею (на свою шею, себе на шею)** балоро харида гирифтан; **намять (наломать) шею кому-л.** *прост.* касеро зада шалха кардан; **намылить шею кому-л.** касеро сахт танбеҳ додан: **посадить на шею чью-л., кому-л., кого-л.** ба гардани касе савор (бор) кардан; **свернуть шею кому-л.** *прост.* сари касеро хурдан; **свернуть [себе] шею** сари худро хурдан; **свихнуть себе шею** *прост.* гардани худро шикастан; **сесть на шею чью-л., кому-л.** ба гардани касе савор шудан; бори гарон шудан; **сидеть на шее чьей-л., у кого-л.** ба гардани касе бор шудан

шибануть *сов. однокр. к* **шибать** 2

шибать *несов. прост.* 1. *(бросать)* андохтан, ҳаво додан 2. *(ударять)* задан, куфтан 3. *чаще со словами «в нос», «в голову» и т. п.* задан // *безл. чем* ба бинӣ задан

шибер *м тех.* ғалака

шибкий, -ая, -ое (шибок, шибка, шибко) *прост.* тез, зуд, чаққон

шибко *нареч. прост.* 1. *(скоро, быстро)* тез, зуд, чаққон 2. *(сильно, очень)* сахт, хеле

шиворот *м прост.*: за ~ 1) *(за ворот-*

ник) ба даруни гиребон; **снег попадал за** ~ барф ба даруни гиребон медаромад 2) *(за заднюю часть шеи)* аз пушти гиребон гирифта; **вытащить кого-л. за** ~ касеро аз гиребонаш кашида баровардан; **~-навыворот** 1) *(в обратном порядке)* чаппаю роста, поскуно-роскуно 2) *(не так, как полагается)* бархам-дархам

шизофреник *м мед.* маҷзуб

шизофренический, -ая, -ое *мед.* маҷзубӣ

шизофреничка *женск. к* **шизофреник**

шизофрения *ж мед.* маҷзубият

шиизм *м рел.* мазҳаби шиа

шиит *м* шиа

шиитский, -ая, -ое *рел.* ...и шиа, шиагӣ, ...и мазҳаби шиа

шик *м* фар; олуфтагӣ; **в этом есть особый** ~ дар ин дабдабае ҳаст ◇ **задавать** ~ (~у) олуфтагӣ кардан

шиканье *с разг.* *(по знач. гл.* **шикать**) ҳаёҳуй; **встретить кого-л.** ~м касеро ҳаёҳуй карда пешвоз гирифтан

шикарно 1. *нареч.* олиҷаноб(она), кори калон, ғалатӣ // *(элегантно)* зебо, олуфта, озода, шинам, хушнамо; ~ **одетый** одами хушлибос 2. *безл. в знач. сказ.* бисьёр нағз аст, олиҷаноб аст; **здесь** ~! ин ҷо олиҷаноб аст!

шикарность *ж* олиҷанобӣ, кори калон будан(и), ғалатӣ будан(и)

шикарн||ый, -ая, -ое (шикар|ен, -на, -но) 1. олиҷаноб, кори калон, ғалатӣ; **~ая квартира** хонаи кори калон 2. озода, шинам, зебо, хушнамо; **~ый костюм** костюми шинам 3. *разг.* бисьёр нағз, бисьёр зебо, аъло, олиҷаноб; **~ое издание** нашри олиҷаноб

шикать *несов. разг.* 1. *на кого (на птиц, животных)* киш гуфтан; ~ **на воробьёв** гунҷишкҳоро киш гуфтан 2. *на кого* «ором» гуфтан; ~ **на ребёнка** ба бача «ором» гуфтан 3. ҳуштак кашидан, ҳаёҳуй кардан

шикнуть *сов., однокр. к* **шикать**

шикнуть *сов. однокр. к* **шиковать**

шиковать *несов. разг.* карруфар кардан, олуфтагӣ кардан

шиллинг *м* шиллинг *(тангаи англисӣ)*

шил||о *с* дарафш, бигиз; **~а в мешке не утаишь** *посл.* ≈ офтобро бо доман пушида намешавад

шилохвостый, -ая, -ое бигиздум

шильник *м прост. уст.* фиребгар, қаллоб

шильничать *несов. прост. уст.* фиребгарӣ (қаллобӣ) кардан

шимми *м нескл.* шимми *(рақсест аз қабили фокстрот)*

шимпанзе *м нескл.* шимпанзе *(маймуни одамшакл)*

шин||а *ж* 1. шина, қасқони резинии чарх; қасқони оҳании чархи ароба *ва г.*; **автомобильная** ~а шинаи автомобиль; **велосипедная** ~а шинаи велосипед 2. *мед* шина, тахтачаи шикастабандӣ; **наложить** ~у шина мондан

шинель *ж* шинель; **солдатская** ~ шинели солдатӣ

шинельный, -ая, -ое ...и шинель, шинельбоб

шинкарить *несов. уст. прост.* 1. шаробфурушӣ кардан 2. майхонадорӣ кардан

шинкарка *женск. к* **шинкарь**

шинкарский, -ая, -ое ...и майфуруш, ...и соҳиби майхона

шинкарство *с* 1. *уст.* шаробфурушӣ, майфурӯшӣ 2. майхонадорӣ

шинкарь *м* 1. *уст.* соҳиби майхона, майхонадор 2. майфуруш, шаробфуруш

шинковальный, -ая, -ое ...и резакунӣ, ...и поракунӣ: ~ **нож** корди резакунӣ

шинкование *с (по знач. гл.* **шинковать**) резакунӣ, поракунӣ; ~ **капусты** резакунии карам, карамрезакунӣ

шинкованн||ый, -ая, -ое *прич., прил.* резакардашуда, реза; **~ая капуста** карами резакардашуда (реза)

шинковать I *несов. что (капусту)* реза (пора) кардан

шинковать II *несов. см.* **шинкарить**

шинковаться *несов. страд. к* **шинковать I**

шинковка *ж* 1. резакунӣ, поракунӣ; ~ **капусты** резакунии карам, карамрезакунӣ 2. карамрезакунак

шинн||ый, -ая, -ое ...и шина; **~ое производство** истеҳсоли шина

шинок *м уст.* майхона, майкада

шиншилла *ж зоол.* 1. *(грызун)* вашақ *(ҷонвари санҷобмонанд)* // *(мех)* пусти вашақ 2. *(порода кроликов)* заргуш // *(мех)* пӯсти заргуш

шиншилловый, -ая, -ое ...и вашақ; ~ **мех** пусти вашақ

шиньон *м* шиньон, муи турмак, муи ғула *(як навъ ороиши муи занон)* // *(накладные волосы)* мӯи турмаки ориятӣ, ғуламуи сунъӣ

шип I *м* 1. *(на растениях)* хор, ғуррӣ; **острые** ~ы хорҳои тез 2. *(на обуви, копытах)* дандона 3. *тех.* қуда

шип II *м (рыба)* хормоҳӣ

шипение *с (по знач. гл.* **шипеть**) фашшосзанӣ, фашшос; ~ **змей** фашшоси мор

шип||еть *несов.* 1. фашшос задан; **гусь** ~ит ғоз фашшос мезанад 2. *разг. (шептать)* пичир-пичир кардан // *(ворчать)* ғур-ғур (ғурунг-ғурунг, ғиринг-ғиринг) кардан

шиповник *м* хуч, настаран; насрин

шипов||ой, -ая, -ое *тех.* 1. ...и қуда 2. *(для долбления)* ...и комагирак, ...и комагирӣ; **~ое долото** исканаи комагирак

шипорезный, -ая, -ое ...и кудабарорӣ; ~ **станок** дастгоҳи қудабарорӣ

шипуч||ий, -ая, -ее 1. *разг. (издающий шипение)* фашшосӣ, фашшосзананда 2. *(пенящийся)* каф(к)кунанда, газдор *(оид ба машрубот ва нушокиҳо)*; **~ее вино** маи газдор // *в знач. сущ* **шипучее** *с то же, что* **шипучее вино**

шипучка *ж разг. см.* **шипучий** 2 (**шипучее вино**)

шипящ||ий, -ая, -ее *прич., прил.* фашшосӣ; шавшувдор; **~ий голос** овози фашшосӣ; **~ие согласные** *лингв.* ҳамсадоҳои шавшувдор

шире *сравн. ст. к* **широкий** *и* **широко**; **он стал** ~ **в плечах** вай шонапаҳнтар шуд ◇ **держи карман** ~! хобатро ба об гуй!

ширина *ж* бар, фароҳӣ, васей, вусъат; ~ **ткани** бари матоъ; ~ **реки** бари дарьё; ~ **улицы** бари куча; ~ **дороги** бари роҳ; ~ **моста** бари пул; **во всю ширину дороги** ба тамоми бари роҳ

ширинка *ж* 1. *уст. обл. (скатерть, полотенце, платок)* дастархон, сачоқ, руймол 2. *разг. (у брюк, штанов)* чоки пеши шим

ширить *несов. что* 1. васеъ (кушод) гардондан, фароҳ кардан 2. *перен.* вусъат додан; ~ **движение за мир** ҳаракати тарафдорони сулҳро вусъат додан

шириться *несов.* 1. васеъ шудан, вусъат ёфтан; **ширятся круги на воде** доираҳои мавҷ дар руи об васеъ мешаванд 2. *перен.* вусъат ёфтан; **ширятся культурные связи с зарубежными странами** муносибатҳои маданӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ вусъат меёбанд

ширм||а *ж* 1. пардаи чорчубадор; **отделиться** ~ой дар байн парда кашидан 2. *перен.* парда, руйпуш; **служить** ~ой парда шудан

широк||ий, -ая, -ое (широк, -а, широко) 1. васеъ, фароҳ, сербар; **~ая улица** кучаи (фароҳ); **~ая река** дарьёи васеъ; **~ая ткань** матои сербар 2. *(об одежде, обуви)* кушод, васеъ; **~ое платье** куртаи кушод 3. паҳн, паҳновар; **~ая степь** дашти паҳновар 4. *перен.* калон, бисьёр; **~ий сбыт** бозораш чаққон; **~ие планы** нақшаҳои бузург; **~ие возможности** имкониятҳои калон 5. васеъ, фароҳ, калон; **~ий шаг** қадами васеъ (калон) 6. *перен. (не ограниченный, глубокий)* чуқур, амиқ, васеъ; **~ий взгляд на вещи** назари амиқ; **~ие познания** донишҳои васеъ (ҳартарафа); **в ~ом смысле слова** ба маънии васеи калима 7. *перен. (охватывающий многое, многих)* васеъ; **~ие массы** оммаҳои васеъ; **~ий круг вопросов** доираи васеи масъалаҳо; **~ие круги читателей** доираҳои васеи хонандагон; **~ая известность** шӯҳрати баланд; **товары ~ого потребления** молҳои сермасриф (серистеъмол); **~ая сеть детских учреждений** шабакаи васеи муассисаҳои бачагон; **~ие профилактические мероприятия** тадбирҳои зиёди пешгирии касалиҳо ◇ **~ая кость, широк в кости** китфвасеъ, устухонкалон, шонапаҳн; **~ая натура** одами ҳимматбаланд; **~им фронтом** дастҷамъона; **~ий экран** экрани васеъ; **жить на ~ую ногу** бо фароғат зистан; гул хурда гул пушидан; **сделать ~ий жест** саховатмандтарошӣ (сахигарошӣ) кардан

широко *нареч.* 1. васеъ, фароҳ, кушод; ~ **открыть глаза** чашмонро калон кушодан; ~ **распахнуть двери** дарро калон кушодан; ~ **улыбнуться** фароҳ табассум кардан 2. *перен.* васеъ; ~ **использовать достижения науки** аз муваффақиятҳои илм васеъ истифода бур-

дан ◇ **жить** ~ калонхарҷӣ (каттахӯрӣ) кардан

широко= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «васеъ»:* **широколистный** пахнбарг; **широкоэкранный** васеъэкран

широковещание *с уст.* радиошунавонӣ

широковещательн||ый, -ая, -ое 1. радиошунавонӣ 2. *ирон.* серваъда, пур аз ваъда; ~**ые речи** гапҳои серваъда

широкогруд||ый, -ая, -ое синапаҳн, паҳнсина, синафарох; ~**ая лошадь** аспи синафарох

широкозадый, -ая, -ое (широкозад, -а, -о) сағрипаҳн, сағривасеъ; ~ **конь** аспи сағрипаҳн

широкозахватный, -ая, -ое *с.-х.* фарохпала, васеъпала; ~ **комбайн** комбайни васеъпала

ширококолейка *ж разг.* роҳи оҳани сербар

ширококостный, ширококостый, -ая, -ое (ширококост, -а, -о) устухонкалон; ~ **мужчина** одами устухонкалон

ширококрыл||ый, -ая, -ое (ширококрыл, -а, -о) паҳнбол, қанотдароз, васеъқанот; ~**ая птица** паррандаи паҳнбол

широколиственн||ый, -ая, -ое (широколиствен, -на, -но) паҳнбарг; калонбарг; ~**ые породы деревьев** ҷинсҳои дарахтони паҳнбарг; ~**ый клён** фарки паҳнбарг

широколистный, широколистый, -ая, -ое паҳнбарг

широколиц||ый, -ая, -ее (широколиц, -а, -е) паҳнрӯ; ~**ая девушка** духтари рафидарӯ (паҳнрӯ)

широколобый, -ая, -ое (широколоб, -а, -о) пешонивасеъ, пешонифарох, паҳнпешонӣ; ~ **старик** пири пешонифарох

широконоска *ж зоол.* чолак *(як намуди мурғобии нулпаҳн)*

широконос||ый, -ая, -ое (широконос, -а, -о) 1. паҳнбинӣ, биникалон 2. *разг.* нӯгпаҳн, нулпаҳн *(оид ба пойафзол, варфҳо ва ғ.)*; ~**ая обувь** пойафзоли нӯгпаҳн; ~**ый чайник** чойники паҳнҷумак

широкоплечий, -ая, -ее (широкоплеч, -а, -е) паҳнкифт, шонапаҳн, васеъкифт; ~ **парень** ҷавони чорпаҳлу

широкопол||ый, -ая, -ое лапарпаҳн; ~**ая шляпа** кулоҳи лапарпаҳн

широкорядный, -ая, -ое *с.-х.* васеъҷуяк; ~ **посев** кишти васеъҷуяк

широкоскул||ый, -ая, -ое (широкоскул, -а, -о) рафидарӯ; ~**ое лицо** руи рафида (паҳн)

широкость *ж уст.* васеӣ, вусъат, фарохӣ

широкоэкранный, -ая, -ое васеъэкран; ~ **кинотеатр** кинотеатри васеъэкран; ~ **фильм** фильми васеъэкран

широт||а *ж* 1. вусъат, фарохӣ; кушодӣ; ниҳоят; ~**а кругозора** ниҳояти назар; ~**а ума** расоии ақл 2. *разг. см.* **ширина**; ~**а комнаты** бари хона 3. *геогр.* арз // *мн.* **широты** арзҳо; **низкие широты** арзҳои ба хати устуво наздик

широтный, -ая, -ое *геогр.* ...и арз

широчайший, -ая, -ее *превосх. ст. к* **широкий**

широченный, -ая, -ое *прост.* бисьёр васеъ, бисьёр сербар

ширпотреб *м собир.* молҳои сермасриф, молҳои серистеъмол

ширь *ж* вусъат; **степная** ~ вусъати дашт ◇ **во всю** ~ бо вусъати том; **развернуть работу во всю** ~ корро ба таври васеъ ба роҳ мондан

ширять *несов.* 1. *уст.* фарох бол задан 2. *прост. (ворошить)* омехта (тагу рӯ) кардан

ширяться *несов. уст. см.* **ширять** 1

шитво *с прост. см.* **шитьё**

шитик *м обл.* қаиқ

шитый, -ая, -ое 1. *прич.* духта 2. *прил.* ...и гулдӯзӣ; ~ **ворот** гиребони гулдӯзӣ 3. *прил. (сшитый)* духташуда

шить *несов.* 1. духтан; ~ **на машинке** дар мошин дӯхтан, мошин кардан; ~ **руками** дастакӣ духтан 2. *что и без доп.* дӯхтан; дарзигӣ (дузандагӣ) кардан, чеварӣ кардан; ~ **платье** либос духтан; ~ **обувь** муза духтан; 3. *чем* гулдузӣ кардан; ~ **шёлком** бо абрешим гулдузӣ кардан; ~ **золотом** зардузӣ кардан ◇ **шито и крыто, шито-крыто** обу лой шуда, сирри мардон пушида; **белыми нитками шито** миси чизе намоён аст; **не лыком шит** *прост.* содда не, аноӣ не; **ни шьёт ни порет** *погов.* ≈ на ба ин ёру на ба он ғамхор

шить||ё *с* 1. *(по знач. гл.* **шить**) чокдӯзӣ, либосдузӣ; **курсы кройки и** ~**я** курси либосбурӣ ва либосдузи, курси чеварӣ; ~**ё обуви** пойафзолдузӣ; **сидеть за** ~**ём** чокдузӣ карда шиштан, дар сари чок шиштан, чок духта шиштан; **заниматься** ~**ём** бо чокдузӣ машғул будан // духт, усули духт; **одежда деревенского** ~**я** либоси духташ деҳотӣ 2. чок, дарз 3. гулдузӣ, йурмадузӣ; **золотое** ~**ё** зардузи; **машинное** ~**ё** попурчигӣ // *собир.* маснуоти гулдузӣ

шифер *м* 1. *мин.* варақасанг 2. *стр.* шифер

шиферн||ый, -ая, -ое 1. *мин.* ...и варақасанг; ~**ые разработки** кони варақасанг 2. шиферӣ; ~**ая кровля** боми шиферӣ

шифон *м* шифон

шифонов||ый, -ая, -ое ...и шифон; шифонӣ; ~**ая косынка** руймолаки шифонӣ

шифоньер *м уст.* ҷевон

шифр *м* 1. рамз; **ключ** ~**а** мифтоҳи рамз 2. шифр *(аломати қайд дар китобҳои китобхона)*; 3. *уст. (вензель из инициалов)* туғро; **браслет с** ~**ом** дастпонаи туғродор

шифровальный, -ая, -ое ...и рамзбандӣ

шифровальщик *м* рамзнавис

шифрование *с см.* **шифровка** 1

шифрованн||ый, -ая, -ое (шифрован, -а, -о) 1. *прич.* рамзӣ 2. *прил.* рамзӣ; ~**ая телеграмма** телеграммаи рамзӣ

шифровать *несов. что* бо рамз навиштан; ~ **донесения** ахборотро бо рамз навиштан

шифроваться *несов. страд.* бо рамз навишта шудан

шифровка *ж* 1. *(по знач. гл.* **шифровать**) бо рамз навиштан(и); ~ **телеграммы** барамздарории телеграмма 2. *разг.* матни рамзӣ

шифровщик *м см.* **шифровальщик**

шифрограмма *ж* телеграммаи рамзӣ

шихан *м обл.* кулла

шихта *ж мет.* гудоза *(омехтаи моддаҳои гуногун, аз қабили маъдан, ангиштсанг ва ғ. ки ба кура барои гудозиш андохта мешавад)*

шиш *м* 1. *(кукиш)* нарра *(дастро мушт карда нишон додани нарангушт аз байни ду ангушти дигар ки аломати қатъиян рад кардани коре ё гапе мебошад)* 2. *прост. перен.* ҳеҷ! 3. *уст. (бродяга, разбойник)* оворагард, роҳзан ◇ **нет ни** ~**а** *прост.* бало ҳам нест

шишак *м ист.* худ

шишига *ж обл.* ғӯли (деви) ҷангалӣ, иблис, шайтон // *бран.* шайтон-е! иблис-е!

шишк||а *ж* 1. ғуррӣ, варам; ~**а на лбу** ғуррии пешонӣ; **набить себе** ~**у** ягон ҷои худро зада варам кунондан 2. *прост. шутл.* калоншаванда 3. *бот.* ҷалғуза; **сосновая** ~**а** ҷалғузаи санавбар; **на бедного Макара все** ~**и валятся** *погов.* ≈ ҳар ҷо ки санг аст, ба пои ланг аст

шишковат||ый, -ая, -ое (шишковат, -а, -о) дағар-буғур; ~**ая голова** каллаи дағар-буғур

шишковидный, -ая, -ое (шишковид|ен, -на, -но) ҷалғузашакл

шкала *ж* 1. ҷадвал; ~ **термометра** ҷадвали ҳароратсанҷ 2. ҷадвали қиёсӣ; ~ **заработной платы** ҷадвали қиёсии музди кор

шкалик *м уст.* 1. шкалик *(андозаи қадимии русии шароб, ки ба 0,06 литр баробар аст)* // *разг.* шишачаи арақ // *разг. (стопка)* қадаҳча 2. чароғи сиёҳ, ҷинчароғ

шкандыбать *несов. обл.* лангидан

шканечный, -ая, -ое *мор.* 1. ...и саҳни киштӣ 2. навбатдори саҳни киштӣ

шканцы *тк. мн. мор.* саҳни киштӣ

шкатулка *ж* ҳуққа, ҷаъба; **старинная** ~ ҷаъбаи қадимона

шкаф *м* 1. ҷевон; **платяной** ~ ҷевони либос; **зеркальный** ~ ҷевони оинадор; **книжный** ~ ҷевони китобмонӣ; **стенной (встроенный)** ~ ҷевони деворӣ; **несгораемый** ~ ҷевони фулодӣ 2. қуттӣ; **духовой** ~ қуттии ҳарорат

шкафный, -ая, -ое ...и ҷевон

шквал *м* 1. тундбод; накбо; локеҳ; **налетел** ~ тундбод хест 2. *перен.* тирборон; **артиллерийский** ~ тирборони артиллерия

шквалист||ый, -ая, -ое тунду тез, пуршиддат, ...и тундбод; ~**ый ветер** шамоли тунду тез; ~**ая погода** ҳавои тундбод

шквальный, -ая, -ое 1. *см.* **шквалистый**; 2. *перен.* шадид, сахт; **открыть**

~ огонь из пулемётов аз пулемётхо тирборон кардан

шкварки *мн.* (*ед.* **шкварка** *ж*) чазза

шквoрень *м* мехи ароба

шкет *м прост.* бачаяк

шкив *м* шкив (*чархе, ки тасмаи чархгардонро ба ҳаракат меоварад*)

шкипер *м мор.* 1. *уст.* нохудо 2. киштибон 3. шкипер (*мудири асбобу анҷомҳои киштӣ*)

шкиперск||ий, -ая, -ое ...и нохудо; ...и киштибон; ...и шкипер, шкипери; **~ая каюта** хуҷраи нохудо (киштибон)

шкирк||а *ж*: **взять за ~у кого-л.** аз гиребони касе гирифтан

шкода *ж прост.* 1. (*изъян, вред*) зиён, зарар 2. (*шалость, проделка*) шӯхӣ, шайтонӣ 3. *м, ж* (*озорник*) шух, баттол, шайтон

шкодить *несов. прост.* 1. зиён овардан, зарар расондан 2. шухӣ (баттолӣ) кардан

шкодлив||ый, -ая, -ое (шкодлив, -а, -о) *прост.* 1. зиёновар, зараррасон 2. шӯх, шайтон; **~ое дитя** бачаи шух

школ||а *ж* 1. мактаб; **средняя ~а** мактаби миёна; **~а-интернат** мактаб-интернат; **высшая ~а** мактаби олӣ; **общеобразовательная ~а** мактаби таълими умумӣ; **вечерняя (сменная) ~а** мактаби шабона (сменагӣ); **поступить в ~у** ба мактаб даромадан; **отдать в ~у** ба мактаб додан; **учиться в ~е** дар мактаб таҳсил кардан; **кончить ~у** мактабро тамом кардан 2. таълим, таҷриба; **пройти жизненную ~у** аз дарси ҳаёт гузаштан 3. мактаб, усул, тарз, равиш; **~а передовых методов труда** мактаби усулҳои пешқадами меҳнат 4. равия; **русская ~а живописи** равияи рассомии рус; **создать ~у** ба равияе асос гузоштан 5. *с.-х.* (*питомник*) ниҳолхона, кӯчатзор

школить *несов. кого разг.* сахт таълим додан

школьник *м* мактаббача, мактабхон, талаба

школьница *ж* духтари мактабхон, толиба

школьничать *несов. разг.* бачагӣ кардан, шӯхӣ кардан

школьнический, -ая, -ое ...и мактаббача, бачагона, шӯхиомез

школьничество *с* бачагӣ, шухӣ

школьн||ый, -ая, -ое 1. ...и мактаб, мактабӣ; **~ое здание** бинои мактаб; **~ые учебники** китобҳои дарсӣ; **~ая форма** либоси мактабӣ; **~ый товарищ** шарикдарс 2. синни мактабӣ; **дети ~ого возраста** бачагони синни мактабӣ ◇ **на ~ой скамье** ҳангоми таҳсил, вақтҳои мактабхонӣ

школяр *м уст. ирон.* муллобача

школярский, -ая, -ое 1. *уст.* ...и муллобача 2. (*об изучении, усвоении чего-л.*) кориёна, кӯркӯрона; **~ подход к чему-л.** муносибати кӯркӯрона ба чизе

школярство *с* коригӣ

шкот *м мор.* банди бодбон

шкотовый, -ая, -ое *мор.* ...и банди бодбон; **~ узел** банди бодбон

шкур||а *ж* 1. пӯст; **медвежья ~а** пӯсти хирс; **сдирать ~у** пӯст кандан 2. *разг.* (*кожура*) пучоқ 3. *прост.* пусти одам 4. *перен. прост. в сочет. со словами «своя», «собственная»* беҳбудӣ; зиндагӣ, рузгор; **испытать (почувствовать) на своей (собственной) ~е** аз сари худ гузарондан; **заботиться о своей ~е** ғами ҷони худро хӯрдан; **спасать свою ~у** ҷон ба саломат бурдан 5. *прост. груб. бран.* чашмгурусна, ситамгар; **продажная ~а** виҷдонфуруш 6. *бран.* одами сангдил (дағал, дилозор) ◇ **быть в чьей-л. ~е** ба рузи касе гирифтор шудан; **не хотел бы я быть в твоей ~е** аз худат ин тараф наояд; **влезть в ~у кого-л., чью-л.** худро ба ҷои касе ангоштан; **делить ~у неубитого медведя** *погов.* ≈ бача дар сафар, номаш Музаффар; **драть ~у (две ~ы, семь шкур)** *с кого прост.* пуст кандан; **спустить ~у** *с кого прост.* сахт задан (кубидан), лат кардан; **волк в овечьей ~е** гуспандсурати гургсират

шкурить *несов. что тех.* бо ҷилбур пардоз кардан

шкурка *ж* 1. *уменьш. к* **шкура** 1, 2; **~ апельсина** пучоқи апельсин; **каракулевая ~** пусти барраи қарокулӣ 2. ҷилбур; **наждачная ~** ҷилбур

шкурник *м разг.* чашмгурусна, суллоҳ, носерам, манфиатпараст

шкурнический, -ая, -ое *см.* **шкурный**

шкурничество *с разг.* суллоҳӣ, чашмгуршагӣ, манфиатпарастӣ

шкурн||ый, -ая, -ое *разг.*, чашмгушнагӣ; **~ые интересы** суллоҳӣ

шлагбаум *м* ғав

шлак *м* дажғол; тафолаи оҳан, нахҷад; **синтетические ~и** дажғоли синтетикӣ

шлакобетон *м* дажғолбетон

шлакобетонн||ый, -ая, -ое ...и дажғолбетон, дажғолбетонӣ; **~ые блоки** блокҳои дажғолбетонӣ

шлакоблок *м стр.* дажғол-блок (*масолеҳи бинокорӣ — омехтаи дажғол бо цемент*)

шлакоблочный, -ая, -ое ...и дажғолблок, дажғолблокӣ; **~ дом** хонаи аз дажғолблок сохташуда

шлаковик *м мет.* дажғолрезак (*қисми кӯраи мартенӣ, ки дар он дажғол ҷамъ мешавад*)

шлаковый, -ая, -ое ...и дажғол, дажғолӣ; **~ бетон** бетони дажғолдор

шлам *м тех.* шлам (*тагшини электролизи баъзе металлҳо, ки одатан дар таркиби худ металлҳои асил доранд*)

шланг *м* руда; **резиновый ~** рӯдаи резинӣ

шлафрок *м уст.* ҷомаи хонапӯшак

шлёвка *ж* ҳалқаи оҳанин, ҳалқаи чармин

шлейф *м* 1. (*у платья*) домани дарози куртаи занона 2. *с.-х.* (*волокуша*) ғелакмола, сихмолаи ғелон

шлем *м* худ, тоскулоҳ, кулаҳхуд; **золотой ~** тоскулоҳи тилло(й)

шлемофон *м* шлемофон (*кулоҳи гушакдори танкчиён ва лётчикҳо, ки дар он барои гуфтугу бо радио асбоби махсус васл шудааст*)

шлёнда *м, ж прост.* бекорхуча, сакалту, оворагард

шлёндать *несов. прост.* овора шуда гаштан, саёқ-саёқ гаштан, сакалтуи кардан

шлёп *межд. в знач. сказ. разг.* шалпи (чалпи, шалаппи) афтод (афтодам, афтодӣ *ва г.*); **он ~ в лужу!** вай шалпи ба кулмак афтод!

шлёпанцы *мн. разг.* кафши хонапӯшӣ

шлёпанье *с* (*по знач. гл.* **шлёпать**) шалп-шалпзанӣ; (*звуки*) шалпос; **~ туфель** шарфаи кафш

шлёпать *несов.* 1. *кого-что* задан, тарси карда задан; **~ по руке** тарси карда ба даст задан // *чем* шалпос зада гаштан; **~ туфлями** кафшро шалпос занондан 2. *разг. см.* **шлёпаться;** 3. *прост.* шалпос зада гаштан (рафтан); **~ по грязи** шалпос зада дар гилу лой гаштан

шлёпаться *несов. разг.* гурсос зада афтодан, шалпос зада афтодан; **~ в грязь** шалпос зада ба лой афтидан

шлёпнуть *сов. кого-что* 1. *однокр. к* **шлёпать** 1; 2. *прост. кого* зада (паронда) куштан

шлёпнуться *сов. однокр. к* **шлёпаться**; **~ в грязь** шалпос зада ба лой афтодан

шлеп||ок *м* шаллок, шаппотӣ; **надавать ~ков** хуб шаллок задан

шлея *ж* 1. пордум 2. (*ремень*) кашактасма (*тасмаи сари синаи аспи ароба, ки ба ҷои хомут ба кор меравад*)

шлиф *м геол.* шлиф (*лавҳачаи ниҳоят тунуки маъдан ё санг, ки барои мушоҳидаи микроскопӣ тайёр карда мешавад*)

шлифовальный, -ая, -ое ...и сайқалдиҳӣ, ...и суфтакунӣ, ...и ҷилодиҳӣ, ...и пардоздиҳӣ; **~ станок** дастгоҳи ҷилодиҳӣ

шлифовальщик *м* сайқалгар, суфтагар, пардоздеҳ

шлифовальщица *женск. к* **шлифовальщик**

шлифование *с* (*по знач. гл.* **шлифовать**) ҷилодиҳӣ, суфтакунӣ, пардоздиҳӣ, сайқалдиҳӣ

шлифованн||ый, -ая, -ое (шлифован, -а, -о) 1. *прич.* сайқал карда шуда, суфта карда шуда, пардоз дода шуда; 2. *прил.* сайқалӣ, ҷилодор, суфта, пардозӣ

шлифовать *несов.* 1. *что* суфта кардан, сайқал (пардоз) додан; **~ алмаз** алмосро ҷило додан 2. *кого-что перен.* беҳтар кардан, хушсифат кардан, такмил додан; **~ свой стиль** услуби худро такмил додан

шлифоваться *несов.* 1. сайқал шудан, суфта шудан 2. *страд.* ҷило дода шудан, суфта карда шудан

шлифовк||а *ж* 1. (*по знач. гл.* **шлифовать**) суфтакунӣ, сайқалдиҳӣ, пардоздиҳӣ, ҷилодиҳӣ; **~а стекла** сайқалдиҳии шиша 2. *перен.* такмил; **~а стиля** такмили услуб 3. ҷило, пардоз, сайқал; **качество ~и** сифати пардоз

шлифо́вщик *м см.* шлифовальщик
шлифо́вщица *женск. к* **шлифовщик**
шлих *м горн.* таҳшин
шли́хов||ый, -ая, -ое *горн.* ...и таҳшин; ~**ое зо́лото** таҳшини зар
шли́хта *ж тех.* оҳор
шлихтова́льный, -ая, -ое *тех.* ...и оҳордиҳӣ; оҳордиҳак
шлихтова́ние *с тех.* (*по знач. гл.* шлихтовать) оҳор додан(и)
шлихтова́ть *несов. что тех.* оҳор додан
шлихтова́ться *несов. страд.* оҳор дода шудан
шлихто́вка *ж тех.* (*по знач. гл.* шлихтова́ть) оҳордиҳӣ
шлык *м уст.* 1. саргирак 2. кулоҳи нукдор
шлычка *ж уст. см.* **шлык**
шлюз *м* 1. шлюз (*банди дарвозадори дарьё*); **камера** ~**а** ҳавзаи шлюз 2. (*в плотине*) дарғот, дарвозаи обпарто 3. *горн.* новаи заршуӣ
шлюзный, -ая, -ое ...и шлюз; ...и дарғот
шлюзова́ть *сов. и несов. что* 1. шлюз сохтан; дарғот андохтан; ~ **ре́ку** ба дарьё дарғот андохтан 2. аз шлюз гузарондан; ~ **суда́** киштиҳоро аз шлюз гузарондан
шлюзоваться *несов. страд.* аз шлюз гузаронда шудан
шлюзов||о́й, -а́я, -о́е ...и шлюз, ...и дарғот; шлюзӣ, дарғотӣ; ~**а́я ка́мера** ҳавзаи шлюз; ~**о́е устро́йство** *см.* **шлюз** 1; ◇ ~**а́я ле́стница** *гидр.* силсилаи шлюзҳо
шлюп *м мор.* шлюп (1. *уст. трёхмачтовый корабль — киштии сесутунаи асрҳои 18—19;* 2. *спорт. киштии яксутунаи дубодбона* 3. *киштии посбонии флоти баъзе мамлакатҳои хориҷӣ*)
шлюпба́лка *ж мор.* шлюпбалка (*ғарғараи ба об фуровардан ва аз об бардоштани заврақ*)
шлю́пка *ж* заврақ, қаиқ
шлю́почный, -ая, -ое ...и заврақ
шлю́ха *ж груб. прост.* фоҳиша
шля́мбур *м стр.* искана (*барои сурох кардани девори сангин ё бетонӣ*)
шля́п||а *ж* 1. шляпа, кулоҳ; **фе́тровая** ~**а** шляпаи моҳутӣ 2. *перен. м, ж* даҳаньяла ◇ **де́ло в** ~**е** *прост.* кор панҷ, кор баҷо
шля́пка *ж* 1. шляпаи занона, кулоҳча; **ле́тняя** ~ шляпаи тобистонӣ 2. сар; ~ **гвоздя́** сари мех; ~ **гриба́** қалпоқи (кулоҳаки) занбӯруғ
шля́пник *м* кулоҳдуз
шля́пница *женск. к* **шля́пник**
шля́пн||ый, -ая, -ое ...и шляпа, ...и кулоҳ; ~**ый магази́н** магазини кулоҳфурӯшӣ; ~**ая карто́нка** коғазқуттии шляпа
шля́почн||ый, -ая, -ое ...и шляпа, ...и кулоҳ ◇ ~**ые грибы́** занбуруғҳои калпокдор (кулоҳакдор)
шля́ться *несов. прост.* саёқ-саёқ гаштан, бекор гаштан, сакалтуй кардан
шлях *м обл.* шлях (*роҳи васеъ дар Украина ва ҷануби Россия*)
шляхе́тский, -ая, -ое *ист.* ...и шляхта
шляхе́тство *с ист. см.* **шля́хта**
шля́хта *ж ист.* шляхта (*унвони амлокдорони хурд дар Польшаи собиқ*)
шля́хтич *м ист.* шляхтич (*амлокдори хурд дар Польшаи собиқ*)
шляхтя́нка *женск. к* **шля́хтич**
шмат *м прост.* як парча, як бурда; ~ **хлеба** як бурда нон; ~ **ше́рсти** як қабза пашм
шмато́к *м прост. см.* **шмат**
шмели́н||ый, -ая, -ое ...и говзанбур; ~**ое жужжа́ние** виззоси говзанбур
шмель *м* говзанбур
шмуцти́тул *м полигр.* шмуцтитул (*варақи унвон дар китоб*)
шмыг *межд. в знач. сказ. разг.* шиппас зада рафт (рафтам, рафти *ва* ғ.); **кот** ~ **в дверь** гурба шиппас зада аз дар даромад (баромад)
шмы́гать *несов. разг.* 1. шиппас зада рафтан 2. *чем* тез-тез соидан, молидан; ~ **щёткой** тез-тез чутка задан ◇ ~ **но́сом** бинӣ кашидан
шмыгну́ть *сов. однокр.* шиппас зада рафтан; ~ **в дверь** шиппас зада аз дар баромадан
шмяк *межд. в знач. сказ. прост.* гуппи афтод (афтодам, афтодӣ *ва* ғ.); **он** ~ **на зе́млю** вай гуппи ба замин афтод
шмя́кать *несов. кого-что прост.* 1. гуппи афтодан 2. (*сильно ударять*) гурсос задан
шмя́каться *несов. прост.* гуппи афтидан; гурсос зада афтодан
шмя́кнуть *сов. однокр.* гуппи задан
шмя́кнуться *сов. однокр.* гуппи афтидан
шнапс *м уст. и прост.* арақ
шни́цель *м кул.* шницель (*намуди котлет*)
шнур *м* 1. ресмон, расан, таноб, ришта, чилбур; **свёрток, перевя́занный** ~**о́м** буғчаи ресмонпеч // (*пояс*) камарбанди ресмонӣ 2. *эл.* сими электрик 3. (*для измерения*) чентаноб
шнурова́ние *с* (*по знач. гл.* шнуровать) бандакгузаронӣ, ресмонгузаронӣ
шнуровать *несов. что* 1. бандак (ресмон) гузарондан; ~ **боти́нки** ба ботинка бандак гузарондан 2. (*прошивать шнуром*) сурох карда ресмон гузарондан
шнурова́ться *несов.* 1. *уст.* корсет бастан 2. *страд.* бандак (ресмон) гузаронида шудан
шнуро́вка *ж* 1. *см.* **шнурова́ние**; ~ **боти́нок** бандакгузаронии ботинкаҳо 2. (*прошнурованное место*) чоки бандакдор 3. *уст.* корсет (*миёнбанди махсуси занона*)
шнурово́й, -ая, -о́е 1. ...и бандак, ...и ресмон 2. (*прошнурованный*) бандакдор, ресмондор
шнур||о́к *м* бандак; ресмон; ~**ки́ для боти́нок** бандакҳои пойафзол
шны́рить *несов. прост. см.* **шныря́ть**
шныря́ть *несов. разг.* шиппи рафтан (гузаштан) // (*высматривать*) ба ҳар гӯша сар халондан ◇ ~ **глаза́ми** чашм давондан
шов *м* 1. (*место соединения*) чок, дарз; **разгла́дить** ~ чинҳои чокро текис кардан; **располза́ться по швам** аз чокҳояш канда шудан; **ло́пнуть по шву** аз чок даридан; **распоро́ть по шву что́-л.** чоки чизеро кандан, чизеро аз дарзаш кандан; **наложи́ть швы** чоки ҷароҳатро дӯхтан; **у него́ швы разошли́сь** чокҳояш канд, чокаш дарид; **снять швы** ресмони чоки ҷароҳатро гирифтан 2. бахия, бахиядузӣ; **двойно́й** ~ бахиядузии дутарафа 3. *мед., тех.* пайванд, ҷои пайванд; **черепны́е швы** пайвандҳои косаи сар; **заклёпочный** ~ пайванди парчинкори ◇ **стоя́ть (держа́ть) ру́ки по швам** хода барин рост истодан; **треща́ть по всем швам** тамоман абгор шудан
шовини́зм *м* миллатчигии ашаддӣ
шовини́ст *м* миллатчии ашаддӣ
шовинисти́ческий, -ая, -ое ...и миллатчигии ашаддӣ, ...и миллатчии ашаддӣ, ...и таассуби миллӣ
шовини́стка *женск. к* **шовини́ст**
шовини́стский, -ая, -ое ...и миллатчии ашаддӣ, ...и таассуби миллӣ
шо́вный, -ая, -ое *тех.* 1. дарзмонанд, чокмонанд 2. дӯхтанӣ, дӯхтанивор
шок *м мед.* садама, садамот; **состоя́ние глубо́кого** ~**а** ҳолати садамоти сахт
шоки́ровать *несов. кого книжн.* дар хиҷолат монондан, хиҷил кардан; ~ **кого́-л. свои́м поведе́нием** бо рафтори худ касеро хиҷолат кашондан
шо́ков||ый, -ая, -ое *мед.* ...и садамот; ~**ое состоя́ние** ҳолати садамот
шокола́д *м* 1. шоколад 2. шарбати шоколад; **вы́пить ча́шку** ~**а** як пиёла шарбати шоколад нӯшидан
шокола́дка *ж разг.* порчаи шоколад
шокола́дн||ый, -ая, -ое 1. ...и шоколад, шоколадӣ; ~**ая конфе́та** конфетаи шоколад; ~**ое моро́женое** яхмоси шоколаддор 2. *перен.* қаҳваранг; ~**ое от зага́ра те́ло** бадани офтобхурдаи қаҳваранг ◇ ~**ое де́рево** дарахти какао; ~**ые бобы́** донаки какао
шо́мпол *м* сунба
шо́мполка *ж уст. разг.* милтиқи даҳанпур
шо́мпольн||ый, -ая, -ое ...и сунба // (*заряжаемый с дула*) даҳанпур (*оид ба милтиқ*); ~**ое ружьё** милтиқи даҳанпур
шо́рец *м* шори; *см.* **шо́рцы**
шо́рка *ж* шоридухтар, занаки шорӣ; *см.* **шо́рцы**
шо́рканье *с прост. см.* **ша́рканье**
шо́ркать *несов. прост. см.* **ша́ркать** 1
шо́рник *м* сарроҷ
шо́рничать *несов.* сарроҷӣ кардан
шо́рничество *с* сарроҷӣ
шо́рн||ый, -ая, -ое 1. ...и сарроҷӣ; ~**ые изде́лия** маснуоти сарроҷӣ; ~**ая мастерска́я** дукони (корхонаи) сарроҷӣ; ~**ая у́пряжь** *см.* **шо́ры** 2
шо́рня *ж* дукони (корхонаи) сарроҷӣ
шо́рох *м* хишир-хишир, шибир-шибир; ~ **пла́тья** хишир-хишири курта; ~ **ли́стьев** шибир-шибири баргҳо

шорский, -ая, -ое ...и шорӣ; ~ **язык** забони шорӣ

шорцы *мн.* шориҳо *(халқияте, ки дар вилояти Кемерово иқомат доранд)*

шор||ы *тк. мн.* 1. *(наглазники)* чашмпўшаки асп *(чармпораҳое, ки аз паҳлуи чашмҳои аспи раманда ба лаҷом медузанд)*; 2. *(упряжь)* афзоли аробакашии асп ◇ **взять в ~ы кого-л.** ҷилави (танобӣ) касеро кашида мондан

шоссе *с нескл.* шоссе; **асфальтированное** ~ шоссеи асфальтпӯш

шоссейн||ый, -ая, -ое ...и шоссе; **~ая дорога** роҳи шоссе

шоссировать *сов., несов. что* шоссе кашидан, роҳи сангфарш кашидан; сангфарш (асфальтфарш) кардан; ~ **дорогу** роҳро асфальтфарш кардан, роҳро сангфарш кардан

шоссироваться *несов. страд.* сангфарш карда шудан, асфальтфарш карда шудан

шотландец *м* шотландӣ

шотландка I *ж* занаки шотландӣ, духтари шотландӣ

шотландка II *ж (ткань)* шотландка *(матои рангоранги чорхона)*

шотландский, -ая, -ое ...и шотландӣ, ...и шотландиҳо, ...и Шотландия

шотландцы *мн.* шотландиҳо

шофёр *м* шофёр, мошинрон, роиандан автомошин

шофёрск||ий, -ая, -ое ...и шофёр, шоферӣ; **~ие права** шаҳодатномаи шофёрӣ (ронанда)

шофёрство *с* шоферӣ, касби шоферӣ (ронандагӣ)

шпаг||а *ж* шамшер; **обнажить ~у** шамшер охтан ◇ **скрестить ~и** шамшер бардоштан; **отдать ~у** *уст.* мағлуб шудан, таслим шудан; **продать ~у** *уст.* хиёнат кардан; ба тарафи душман гузаштан; **взять на ~у** *уст.* ғанимат гирифтан

шпагат *м* канаб, ресмон, кандир; **завязать ~ом** бо ресмон бастан

шпагатный, -ая, -ое ...и канаб, ...и ресмон, канабӣ, ресмонӣ

шпажист *м* шамшербоз

шпажный, -ая, -ое ...и шамшер; ~ **клинок** теғи шамшер // *(производимый на шпагах)* бо шамшер; ~ **поединок** шамшерзанӣ

шпаклевание *с стр. (по знач. гл.* **шпаклевать**) ғурагаҷ кардан(и), ғурагаҷкорӣ

шпаклевать *несов. что стр.* ғурагаҷ кардан; ~ **стены** деворҳоро ғурагаҷ кардан

шпаклеваться *несов. страд.* ғурагаҷ карда шудан

шпаклёвка *ж стр.* 1. ғурагаҷ кардан(и); ~ **потолка** ғурагаҷ кардани шифти хона 2. ғурагаҷ

шпаклёвочный, -ая, -ое *стр.* ...и ғурагаҷ, ғурагаҷӣ; ~ **материал** масолеҳи ғурагаҷкорӣ

шпаклёвщик *м* ғурагаҷкор, ғурагаҷкунанда

шпала *ж* шпала (1. *ж.-д.* такьяи рельс 2. *воен. уст.* аломати рутбаи ҳарбӣ, ки дар гиребон насб карда мешуд)

шпалерник *м* 1. *(мастер)* қоқмабоф, қоқмадӯз 2. *см.* **шпалеры**

шпалерн||ый, -ая, -ое 1. ...и қоқма; ...и коғазгир (коғази девор); **~ые ковры** қолинҳои қоқма 2. ...и хавоза, ... воиш; **~ое садоводство** боғдории хавозағӣ (воишӣ); **~ые культуры плодовых деревьев** растаниҳои мевадори хавозағӣ

шпалеры *мн.* (*ед.* **шпалера** *ж*) 1. *(ковры, ткани)* гилемҳои қоқма 2. *уст. (обои)* коғазгир, коғазидевор 3. *(для растений)* хавоза, воиш 4. *(ряды деревьев, кустов)* дарахти (қаторбуттаи) қади роҳ 5. *(ряды солдат)* қатори (сафи) аскарон

шпана *ж прост. презр. (хулиган, жулик)* авбош, дузд, дуздбача // *в знач. собир.* авбошон, дуздон, дуздбачагон

шпангоут *м мор., ав.* шпангоут *(қафасаи чӯбин ё оҳанини киштӣ ва ё самолёт)*

шпандырь *м сапожн.* дастгир

шпанка *ж зоол.* заррух

шпанск||ий, -ая, -ое *ҳамчун қисми таркибии баъзе номҳои ботаники ва зоологи:* **~ая вишня** олуболуи шпанӣ; **~ая овца** меши шпанӣ ◇ **~ая мушка** 1) *зоол.* заррух 2) *уст. мед.* марҳами заррух

шпаргалка *ж* шпаргалка

шпарить *несов.* 1. *разг. что* оби ҷӯш рехтан, оби ҷӯш рехта сӯзондан; ~ **руки** оби ҷӯш рехта дастро сӯзондан 2. *кого-что разг.* оби ҷӯш рехта нобуд кардан; ~ **тараканов** нонхӯракҳоро оби ҷӯш рехта нобуд кардан 3. *прост.* саргармона коре кардан; ~ **по-французски** озодона ба забони французӣ гап задан

шпариться *несов. разг.* 1. бо оби ҷӯш худро сухтан (сӯзондан) 2. *страд.* оби ҷӯш рехта шудан

шпат I *м мин.* шпат; **полевой** ~ шпати даштӣ

шпат II *м вет.* нохуна

шпатель *м* 1. *стр.* андовача *(барои молидани гаҷ, бетон ва ғ.)* 2. *иск.* дастак *(барои молидани ранги замина дар рассомӣ)* 3. *мед.* даста *(асбоб барои зер кардани забон ба мақсади дуруст дидани ҳалқ)*

шпенёк *м* мех, дандона // *(стержень в пряжке)* забонаки сагаки тасма

шпик I *м (сало)* равғани хук; чарбуи намакини хук

шпик II *м (шпион) разг.* ҷосус

шпилевой, -ая, -ое *мор.* ...и ғарғараи киштӣ, ...и наварди лангаркашӣ

шпилечн||ый, -ая, -ое 1. ...и санҷоқ, ...и сархора; **~ое производство** истеҳсоли сархора 2. *тех.* санҷоқак *(см.* **шпилька**); **~ое соединение** пайванди санҷоқӣ

шпиль *м* 1. *архит.* нук; ~ **башни** нуки манора 2. *мор.* наварди лангаркашӣ

шпильк||а *ж* 1. *(для волос)* санҷақ, сархора *(дар ороиши мӯй)* 2. мехи мӯза 3. *перен.* пичинг, сухани нешдор; **подпустить ~у** пичинг паррондан 4. *тех. (стержень для скрепления деталей)* санҷоқак

шпинат *м бот.* испанок, испаноғ, исфаноҷ

шпинатный, -ая, -ое ...и испанок, ...и испаноғ, ...и исфаноқ; ~ **лист** барги испаиоқ; ~ **соус** қайлаи испанок

шпингалет *м* 1. *(задвижка)* ғалақаи тиреза; ғалақаи дар 2. *разг. шутл.* пакана

шпиндель *м тех.* 1. *(вал)* навард 2. дилаки дуг (дук) 3. *(ось)* тир, меҳвар

шпиндельный, -ая, -ое ...и навард; ~ **блок** блоки навард

шпион *м* ҷосус, воқеанавис

шпионаж *м* ҷосусӣ, воқеанависӣ; **промышленный** ~ ҷосусии саноатӣ, ҷосусӣ дар саноат

шпионить *несов.* ҷосусӣ кардан

шпионка *женск. к* **шпион**

шпионский, -ая, -ое ...и ҷосус, ...и ҷосусӣ, ...и воқеанавис, ...и воқеанависӣ, ...и таъқибкунӣ

шпионство *с* ҷосусӣ, воқеанависӣ; таъқибкунӣ

шпиц I *м уст. см.* **шпиль** 1

шпиц II *м (собака)* шпиц *(саги майдаи хонагӣ)*

шпицрутены *мн.* (*ед.* **шпицрутен** *м*) *ист.* таёқзанӣ; калтаккорӣ *(намуди ҷазо дар армияи подшоҳии Россия)*

шплинт *м тех.* шплинт *(симе, ки барои нигоҳ доштани гайка аз сӯроҳии мурват гузаронда қат карда мешавад)*

шплинтовать *несов. что тех.* бо шплинт маҳкам кардан, шплинтбанд кардан

шплинтоваться *несов. страд.* шплинтбанд карда шудан

шплинтовка *ж (по знач. гл.* **шплинтовать**) шплинтбандкунӣ, шплинтбанд кардан(и); ~ **болтов** шплинтбанд кардани мурватҳо

шпон *м*, **шпона** *ж* фона (1. *тех. як қабати фанер* 2. *полигр. лавҳачаи металлӣ, ки дар матбаа дар байни сатрҳо ва ҳарфҳои чидашуда мегузоранд)*

шпонка *ж тех.* фонача

шпоночный, -ая, -ое *тех.* ...и фонача

шпор||а *ж* 1. *(у всадника)* маҳмез; **дать ~ы** маҳмез задан 2. *(у птиц)* пих 3. *тех.* дандонаи чархи трактор

шпорец *м бот.* чакаки (думчаи) гул

шпорить *несов. кого* маҳмез задан; ~ **коня** аспро бо маҳмез рондан

шпорца *ж см.* **шпорец**

шприц *м мед.* шприц; сӯзандору, соранг

шпроты *мн.* (*ед.* **шпрот** *м*, **шпрота** *ж*) шпрот (1. *як намуди равғанмоҳӣ* 2. *консерва аз ин моҳичаҳо)*

шпулечный, -ая, -ое ...и найча

шпульк||а *ж текст.* найча *(дар бофандагӣ ва дарздузӣ)*; **намотать на ~у** найча печондан

шпульный, -ая, -ое ..и найча, найчагӣ

шпуля *ж текст. см.* **шпулька**

шпунт *м спец. (паз)* кома

шпунтовальный, -ая, -ое *спец.* ...и комаканӣ; ~ **станок** дастгоҳи комаканӣ

шпуновать *несов. что спец.* кома кандан (кардан)
шпунтоваться *несов. страд.* кома канда шудан
шпунтовка *ж плотн.* комаканӣ
шпунтовой, -ая, -ое *спец.* комадор, комапайваст; *см.* **шпунт**
шпур *м* рахнак *(шикофи махсуси ҷой кардани доруи таркиш дар конканӣ ва нақбковӣ)*
шпуров||ой, -ая, -ое ...и рахнак; **~ое отверстие** даҳанаи рахнак
шпынять *несов. кого прост.* 1. *(колоть, тыкать)* нихта кардан 2. *(упрекать)* таъна задан (кардан), маломат (сарзаниш) кардан
шрам *м* доғи захм, асари ҷароҳат; ~ **на лице** асари ҷароҳат дар рӯй
шрапнель *ж* шрапнель *(снаряди тиккадор барои нест кардани аскарони душман)*
шрапнельн||ый, -ая, -ое ...и шрапнель, шрапнели; **~ые снаряды** снарядҳои шрапнелӣ; **~ый огонь** шрапнельандозӣ
шрифт *м полигр.* ҳарф, ҳуруф; **жирный** ~ ҳуруфи ғафс; **светлый** ~ ҳуруфи борик; **мелкий** ~ ҳуруфи майда
шрифтовой, -ая, -ое ...и ҳуруф
шрифтолитейный, -ая, -ое ...и ҳуруфрезӣ
шрот *м с.-х.* 1. кунҷола 2. сочма
штаб *м в разн. знач.* штаб; **генеральный** ~ *воен.* штаби генералӣ, штаби олӣ; ~ **гражданской обороны** штаби мудофиаи гражданӣ
штаб- штаб- *қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки дар Россияи тореволюционӣ ба номҳои рутбаи ҳарбӣ ҳамроҳ шуда ходими штаб будани шахсеро ифода мекунад:* **~-офицер** штаб-офицер
штабелировать *несов. что стр.* сарҷин кардан
штабелироваться *несов. страд.* сарҷин карда шудан
штабел||ь *м* сарҷин; **~я дров** сарҷинҳои ҳезум; **укладывать в ~я** сарҷин кардан
штабист *м разг.* офицери штаб, штаб-офицер
штаб-квартира *ж* қароргоҳи штаб
штабник *м разг. см.* **штабист**
штабной, -ая, -ое *воен.* ...и штаб, штабӣ; ~ **офицер** офицери штаб // *в знач. сущ.* **штабной** *м* коркуни штаб, ходими штаб
штаб-офицер *м уст.* штаб-офицер *(дар Россияи тореволюционӣ унвони умумии офицерони калон — майор, подполковник, полковник ва инчунин соҳиби ин унвон)*
штабс-капитан *м* штабс-капитан *(мансаби офицерии аз поручик боло дар Россияи тореволюционӣ ва баъзе мамлакатҳои хориҷӣ ва инчунин дорандаи ин мансаб)*
штаг *м мор.* штаг *(таноби сутуни киштӣ)*

штакетник *м* 1. *собир.* нардачуб 2. *(ограда)* нарда, қаторак
штакетный, -ая, -ое ...и нарда
шталмейстер *м уст.* мирохур
шталмейстерский, -ая, -ое *уст.* ...и мирохур
штамб *м лес., сад.* танаи дарахт
штамбовый, -ая, -ое *лес., сад.* ...и танаи дарахт
штамм *м биол.* штамм *(микроорганизм ё вируси холиси беғаш, ки аз хуни одам ё чорвои бемор, ё аз обу хок ҷудо карда барои тайёр кардани дору ва позаҳр махсус парварида шудааст)*
штамп *м* 1. штамп, муҳр 2. *тех.* сикка 3. *перен.* қолаб, тақлидкорӣ; ~ **в игре актёра** якрангӣ дар бозии актёр
штамповальный, -ая, -ое ...и қолибгарӣ; ~ **станок** дастгоҳи қолибгарӣ
штампование *с (по знач. гл.* **штамповать**) қолибгарӣ кардан(и)
штампованн||ый, -ая, -ое 1. *прич.* қолибгарӣ кардашуда 2. *прил.* қолибгарӣ, сиккагӣ; **~ые изделия** маснуоти қолибгарӣ 3. *прил. перен.* забонзада; **~ые фразы** иборaҳои забонзадшуда
штамповать *несов. что* 1. муҳр задан; ~ **бумагу** ба коғаз мӯҳр задан, коғазро муҳр кардан 2. *тех.* қолибгарӣ кардан 3. *перен. разг.* қолибӣ кардан; ~ **стихи** кофиябофӣ кардан
штамповаться *несов. страд.* қолибгарӣ карда шудан
штамповка *ж* 1. *(по знач. гл.* **штамповать** 1, 2) қолибгарӣ; ~ **металлических изделий** қолибгарии маснуоти металлӣ 2. *тех. прост.* маснуоти қолибгарӣ
штамповочный, -ая, -ое ...и қолибгарӣ, қолибӣ; ~ **пресс** манганаи қолибгарӣ
штамповщик *м* қолибгар
штамповщица *женск. к* **штамповщик**
штанга *ж* 1. *тех.* мила, сих, даста 2. *спорт.* чӯби (боло ё паҳлуи) дарвозаи футбол 3. вазна
штангенциркуль *м тех.* штангенциркуль *(асбоб барои чен кардани андозаи паҳлуҳои детальҳо)*
штангист *м спорт.* вазнабардор; штангист, штангабардор
штангов||ый, -ая, -ое *тех.* ...и мила; **~ое бурение** милапарма
штандарт *м уст* парчам; алам, ливо
штандартный, -ая, -ое *уст.* ...и парчам; ...и алам, ...и ливо
штанина *ж разг.* эзорпоча
штанишки *тк. мн. уменьш. к* **штаны**; **детские** ~ эзорчаи бачагона
штаны *тк. мн. разг.* эзор, шалвор
штапель *м* 1. *(завиток в руне)* кунҷорак *(печи алоҳидаи пусти қарокулӣ)*; 2. *(волокно)* лиф, ғоз, тор; *(ткань)* штапель
штапельн||ый, -ая, -ое ...и штапель; **~ое волокно** тори штапель; **~ое платье** куртаи штапель
штат I *м* штат, аёлат *(воҳиди маъмурӣ дар баъзе мамлакатҳои хориҷа)*; ~ **Мадрас** штати Мадрас
штат II *м* 1. штат; **зачислить в** ~ ба штат дохил кардан 2. *см.* **штатный** (**штатное расписание**) ◇ **остаться за ~ом** 1) *уст. (остаться без должности)* бекор мондан, бе вазифа мондан 2) даркор нашуда мондан; **полагается по ~у** аз рӯи штат лозим аст
штатив *м* сепоя, поя; ~ **фотоаппарата** пояи фотоаппарат
штатн||ый, -ая, -ое штатӣ *(см.* **штат** II); **~ый преподаватель** муаллими штатӣ; **~ое расписание** рӯйхати мансабҳо; **~ая должность** вазифа аз рӯи штат
штатск||ий, -ая, -ое гражданӣ, ғайриҳарбӣ; **в ~ом платье** дар либоси гражданӣ // *в знач. сущ.* **штатский** *м* одами ғайриҳарбӣ // *в знач. сущ.* **штатское** *с* либоси гражданӣ; **он в ~ом** вай дар тан либоси гражданӣ дорад
штафирка *ж уст. разг. пренебр.* ландаҳур
штейгер *м уст.* штейгер, устои конҷӣ
штемпелевальный, -ая, -ое ...и мӯҳрзанӣ
штемпелевание *с (по знач. гл.* **штемпелевать**) муҳрзанӣ
штемпелевать *несов. что* мӯҳр задан; ~ **письма** ба мактубҳо мӯҳр задан
штемпелеваться *несов. страд.* мӯҳр зада шудан
штемпел||ь *м в разн. знач.* мӯҳр; **письмо со ~ем** хати муҳрдор
штемпельный, -ая, -ое ...и муҳр
штепсель *м* штепсель; ~ **настольной лампы** штепсели лампаи рӯистолӣ
штепсельный, -ая, -ое ...и штепсель, штепселӣ
штиблеты *мн.* (*ед.* **штиблета** *ж*) 1. *уст. (гетры)* соқпуш 2. ботинкаҳои мардона
штилевать *несов. мор.* беҳаракат (сокин) истодан *(оид ба киштӣ)*
штилев||ой, -ая, -ое ...и сукунат; **~ая погода** боду ҳавои комилан сокин
штиль I *м (на море и т. п)* сукунати ҳаво; **мёртвый** ~ *мор.* сукунати ҳаво
штиль II *м уст. см.* **стиль**
штифт *м тех.* пайвандак
штифтовой -ая, -ое *тех.* ...и пайвандак
штокроза *ж бот.* гули хайрӣ
штольня *ж горн.* нақби кон
штопальщик *м* ямоқчӣ, руфӯъгар
штопальщица *женск. к* **штопальщик**
штопаный, -ая, -ое ямоқ (руфӯъ) кардашуда
штопанье *с (по знач. гл.* **штопать**) ямоқкунӣ, руфуъкунӣ
штопать *несов. что* ямоқ (руфӯъ) кардан; ~ **одежду** либосро ямоқ кардан
штопаться *несов. страд.* ямоқ (руфӯъ) карда шудан
штопка *ж* 1. *(по знач. гл.* **штопать**) ямоқкунӣ, руфуъкунӣ 2. ришта 3. *разг.* ямоқ
штопор *м* 1. *(для бутылок)* пуккашак, пармача 2. *ав.* штопор *(тарзест аз парвоз, ки самолёт дар меҳвари худ чархзанон босуръат мефурояд)* // *в знач. нареч.* **штопором** чархупечзанон, чархупеч зада
штопорить *несов. ав.* ба тарзи штопор фуромадан

што́р||а *ж* парда, пардаи тиреза; **опусти́ть ~ы** парда кашидан

шторм *м* тӯфон; **жестокий ~** тӯфони шадид

штормить *несов. мор.* талотум кардан, ба талотум омадан

штормова́ть *несов. мор.* 1. *(выдерживать шторм)* ба туфон тоб овардан 2. *см.* **штормить**

штормовка *ж* штормовка *(нимтанаи бадошту обногузару сабуки баҳрчиён, геологҳо, кӯҳнавардон ва ғ.)*

штормов||о́й, -а́я, -ое ...и туфон; **~о́й ве́тер** шамоли туфон; **~ая погода** ҳавои тӯфонӣ

што́рный, -ая, -ое ...и парда, ...и пардаи тиреза; **~ шнур** таноби парда

штоф I *м уст. (мера)* штоф *(ченаки шароб, ки баробари даҳьяки сатил аст)* // *(бутылка)* шиша *(шиша ба ҳамин гунҷоиш барои машрубот)*

штоф II *м (ткань)* штоф *(матои ғафси пашмин ё абрешимин, ки барои ороиш ба кор меравад)*

штраф *м* ҷарима; **наложи́ть ~** ҷарима андохтан; **заплати́ть ~** ҷарима додан

штрафни́к *м разг.* гунаҳгор

штрафн||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и ҷарима; **~ые де́ньги** пули ҷарима 2. ҷаримадор, танбеҳдор; ...и ҷаримагирҳо: ҷаримавӣ; **~ой журна́л** дафтари қайди ҷаримагирҳо; **~о́й уда́р** *спорт.* туби ҷаримавӣ; **~о́й батальо́н** батальони гунаҳгорон

штрафо́ванный, -ая, -ое 1. *прич.* ҷаримакашида 2. *прил. уст. см.* **штрафно́й** 2

штрафова́ть *несов. кого* ҷарима андохтан

штрафова́ться *несов. страд.* ҷарима андохта шудан

штрейкбре́хер *м* штрейкбрехер *(дар мамлакатҳои капиталистӣ касе, ки дар ҳаққи коргарон хиёнат карда дар вақти корпартоии умумӣ кор мекунад)*

штрейкбре́херский, -ая, -ое ...и штрейкбрехер

штрейкбре́херство *с* штрейкбрехерӣ

штрек *м горн.* долони кон

штрих *м* 1. *(линия)* хат, рах; **~й на бума́ге** рахҳои коғаз 2. *перен.* хислат, хусусият, хосият; **любопытный ~** хосияти аҷоиб, ҷузъи аҷоиб

штрихова́ть *несов. что и без доп.* рах-рах кашидан

штрихова́ться *несов. страд.* рах-рах кашида шудан

штрихо́вка *ж* рах-рахкашӣ

штуди́рование *с* мутолиа

штудировать *несов. что* мутолиа кардан

штуди́роваться *несов. страд.* мутолиа карда шудан

шту́к||а *ж* 1. дона, адад, -та, -то; **пять штук яиц** панҷ дона тухм; **по рублю за ~у** донааш як сумӣ, як донааш як сум 2. *разг.* қилиқ; найранг, ҳила; **выде́лывать ~и** найрангбозӣ кардан 3. *в знач. сказ. разг.* кас (чиз) аст; ҳодиса (воқеа) аст; *(о хитром, ловком человеке)* ҳилагар, маккор; **ои — тонкая ~а!** вай як одами ҳилагар!; у одами шайтон аст; вай одами бало! 4. *(ткани и т. п.)* туб; **~а сукна́** туби мовут ◇ **вот так ~а!** ана кору мана кор!, ана халос!; **не ~а** ин кори душвор нест; **в то́м-то и ~а** гап дар сари ҳамин-да

штука́рить *несов. прост.* шутқаригӣ кардан

штука́рский, -ая, -ое *прост.* ...и шӯтқарӣ, ...и шутқаригӣ

штукарство *с* 1. *прост.* шӯтқаригӣ; макру ҳила, кирдорҳои фиребгарона ва қаллобона 2. *разг.* гапбофӣ

штука́рь *м* 1. *уст. (искусный мастер)* устод 2. *разг. (шутник, озорник)* шутқарӣ

штукату́р *м* гилкор, андовачӣ

штукату́рить *несов. что* андова кардан, андовидан, ловидан; **~ сте́ны** деворҳоро андова кардан

штукату́риться *несов.* 1. *страд.* андова карда шудан, ловида шудан 2. *разг.* ба рӯй бисьёр упо задан; упо чаттӣ кардан

штукату́рк||а *ж* 1. *(по знач. гл.* **штукату́рить***)* андова кардан(и) 2. лои андова, андова; **покры́ть сте́ны ~ой** деворҳоро андова кардан

штукату́рный, -ая, -ое ...и андова, ...и андовакунӣ; **~ раство́р** лои андова

штуке́нция *ж разг. шутл. см.* **шту́ка** 2, 3

штукова́ть *несов. что* дарзро нонамоён карда дӯхтан, дарзро номаълум гирифтан

штукова́ться *несов. страд.* нонамоён дарз дӯхта шудан

штуко́вина *ж прост. см.* **шту́ка** 2, 3

штуко́вка *ж* 1. *(по знач. гл.* **штукова́ть***)* руфӯкунӣ 2. *(заштукованное место)* дарзи нонамоён дӯхта

штурва́л *м* сукон; **~ корабля́** сукони киштӣ

штурва́льн||ый, -ая, -ое 1. ...и сукон; **~ое колесо́** чархи суккон 2. *в знач. сущ.* **штурвальный** *м* суккондор 3. *в знач. сущ.* **штурва́льная** *ж (будка)* ҳуҷраи суккон

штурм *м* 1. ҳуҷуми (ҳамлаи) қатъӣ; **~ кре́пости** ҳамла ба қалъа; **~ го́рной верши́ны** фатҳи қуллаи кӯҳ 2. азм, ҷаҳд, кӯшиш, саъй; **брать что́-л. ~ом** чизеро бо ҷаҳд ба даст овардан

шту́рман *м* штурман, роҳбаладӣ; **~ да́льнего пла́вания** штурмани баҳрнавардӣ

шту́рманск||ий, -ая, -ое ...и штурман, ...и роҳбалад; **~ая ру́бка** ҳуҷраи штурман

штурмова́ть *несов. что* ҳуҷуми (ҳамлаи) қатъӣ кардан; **~ го́род** ба шаҳр ҳуҷуми қатъӣ кардан; **~ про́сьбами** илтимосборон кардан ◇ **~ верши́ну** қулларо фатҳ кардан

штурмова́ться *несов. страд.* ҳуҷуми қатъӣ карда шудан

штурмови́к *м* самолёти ҳамлавар

штурмо́вка *ж воен.* ҳамлаи самолётҳо

штурмов||о́й, -а́я, -о́е ...и ҳамлавар; **~а́я авиа́ция** авиацияи ҳамлавар

штурмовщи́на *ж разг.* саросемагӣ, шитобкорӣ, ҳадаҳакорӣ

шту́чк||а *ж уменьш. к* **шту́ка** 1, 2, 3; **брось свой ~и** мон ҳамин қилиқҳоятро!, ҳамин қилиқҳоятро парто!

шту́чн||ый, -ая, -ое 1. дона-дона, донагӣ, донашумор, донабайъ; **~ый товар** моли донабайъ 2. донабайъ; **~ая опла́та** ҳаққи (музди) донабайъ

штыб *м тех.* хокаи ангишт

штык *м* 1. найза, найзаи милтиқ; **клинко́вый ~** ханҷарнайза 2. *воен. (боец-пехотинец)* аскари пиёда, аскари тирандоз, як, нафар аскар; **отря́д в ты́сячу ~о́в** отряди ҳазораскара 3. *мор.* курмакбандӣ *(тарзи бастани танобҳои киштӣ)* 4. *(слой земли)* як бел қабати замин ◇ **в ~й!** ба ҷанги найза!; **встре́тить (приня́ть) в ~й** *кого-что* сахт муқобил баромадан; душманона пешвоз гирифтан

штыкова́ние *с с.-х. (по знач. гл.* **штыкова́ть***)* побелкунӣ; кардан(и); **~ по́чвы** побел кардани замин

штыковать *несов. что с.-х.* побел кардан

штыкова́ться *несов. страд.* побел карда шудан

штыковка *ж см.* **штыкова́ние**; **~ плодо́вых садо́в** побел кардани зери дарахтони боғ

штыков||о́й, -а́я, -о́е 1. ...и найза; **~о́е остриё** синони (нуги) найза; **~ая ра́на** захми найза 2. *мор.* ...и курмакбандӣ; **~о́й у́зел** гиреҳи курмак

шу́б||а *ж* 1. пустин; **меховая ~а** пӯстин; **уку́таться в ~у** ба пӯстин печидан 2. *разг. (шерсть, шкура животного)* пашм, мӯйина, пӯсти ҳайвон ◇ **не ~у шить** *из чего шутл.* ба дард намехӯрад, ба кор намеояд; **~ы не сошьёшь** *шутл.* аз ин фоида намебарояд

шубе́йка *ж разг. уст.* пустини нимтана, калтапустин

шу́бный, -ая, -ое 1. ...и пустин; пӯстинворӣ; **~ товар** моли пӯстинворӣ 2. серпашм; **~ медве́дь** хирси серпашм

шуга́ *ж* коша

шугану́ть *сов. однокр. к* **шугать**

шуга́ть *несов. кого прост.* киш (пишт) гуфта ҳай кардан

шугну́ть *сов. однокр. к* **шуга́ть**

шу́йца *ж уст.* дасти чап

шука́ть *несов. кого-что обл.* ҷустуҷӯ кардан, ҷустан, аз паи *чизе* гаштан, чизеро кофтуков кардан

шу́лер *м карт.* қаллоб, ғиром

шу́лерский, -ая, -ое *карт.* ...и қаллоб, ...и ғиром

шу́лерство *с карт.* қаллобӣ, ғиромӣ

шум *м* 1. ҳаёҳуй, мағал, ғалоғула, ғавғо, шавшув; **~ ве́тра** шавшуви шамол; **~ волн** шавшуви мавҷҳои об; **~ дождя́** садои бориши борон; **~ вокза́ла** ғалоғулаи вокзал; **~ шаго́в** шарфаи пой; **~ эфи́ра** ғалоғулаи эфир; **городско́й ~** ғалоғулаи шаҳр; **бытово́й ~** ғалоғулаи асбобҳои рӯзғор; **тра́нспортный ~** ғалоғулаи нақлиёт; **произво́дственные ~ы** ғалоғулаи муассисаҳои истеҳсолӣ; **косми́ческие ~ы** ғалаёни мавҷҳои кайҳонӣ; **подня́ть ~** ғавғо бардоштан 2. *разг. (ссора)* ҷанҷол,

муноқиша; **из-за чего у вас ~?** сабаби ғавғои шумо чӣ? 3. *разг. (толки)* гапу гапча, овоза, ғавғо, ҳаёҳуй; **эта книга наделала много ~а** ин китоб боиси гапу гапча шуд // *(огласка)* овоза, овозакунӣ; **без всякого ~а** хапу дам; иму чим; чимакак 4. *(оживление, суета)* давуғеҷ; даводавӣ, бесаранҷомӣ; **~. оживление в зале** хушҳолӣ дар зал 5. *лингв.* шавшув 6. *физ., мед.* садо, шавшув; **~ в сердце** гуп-гупи норавшани дил ◇ **~ в голове** ғуввос задани сар; **~ в ушах** ҷаранғоси гӯш; **много ~у из ничего** як пула кор нею сад пула ғавғо

шум||еть *несов.* 1. ғавғо бардоштан, мағал (ғалоғула, ҳаёҳуй) кардан; **дети ~ят** бачаҳо мағал карда истодаанд; **море ~ит** баҳр шавшув мекунад 2. *разг.* ҷанҷол (муноқиша) кардан; **ну, что ты ~ишь?** чаро ҷанҷол мекунӣ? 3. *разг. (много говорить о чём-л.)* гапу ғапча кардан 4. *разг.* овоза шудан; **имя его ~ит на весь мир** номи у дар тамоми дунъё овоза шудааст ◇ **у меня ~ит в голове** сарам ғуввос мезанад; **у него ~ит в ушах** гушаш ҷарангос мезанад

шумих||а *ж разг.* гапу гапча, овоза, ғавғо; **поднять ~у** ғавғо бардоштан

шумливость *ж* серғавғоӣ, пурмағалӣ, ғалоғуланокӣ

шумлив||ый, -ая, -ое (шумлив, -а, -о) 1. серғавғо, пурмағал, серғалоғула, ғулғуланок; **~ый чайник** чайники ҳуштаккаш; **~ый ребёнок** бачаи серғавғо; **~ая толпа** издиҳоми серғавғо 2. *перен. разг.* тумтароқ; **~ые фразы** гапҳои тумтарок

шумно 1. *нареч.* серғавғо, сермағал 2. *в знач. сказ. безл.* серғавғо (пурмағал) аст; **здесь слишком ~** ин ҷо аз ҳад зиёд серғавғо аст

шумн||ый, -ая, -ое 1. сермағал, сершавшув; **~ая компания** гурӯҳи одамони сермағал; **~ая семья** оилаи сермағал 2. пурмағал, серғавғо; овозадор; **~ый день** рӯзи пурмағал; **~ая история** ҳодисаи овозадор 3. ҳаяҷонбахш, шӯрангез, ошубангез; **~ый успех** муваффақияти ғулғулаангез

шумовка *ж* чулпӣ, баракгирак, кафгир

шумов||ой, -ая, -ое гумбуросӣ, гулдурросӣ; **~ оркестр** оркестри асбобҳои зарбӣ

шумоизоляционн||ый, -ая, -ое садоногузар, мағалногузар; **~ые материалы** масолеҳи садоногузар

шумоизоляция *ж* садоногузаркунӣ, мағалногузаркунӣ

шумок *м разг.* 1. ғавғои андак, ғавғои суст 2. ғивир-ғивир; **по рядам прошёл ~** мардум ба ғивир-ғивир даромад ◇ **под ~** хапу дам; иму чим

шумомер *м* садосанҷ, мағалсанҷ

шурин *м* додарапус, қайнӣ

шуровать *несов.* 1. *что и без доп.* алов тит кардан, оташро кофтан 2. *что и без доп. прост.* тарошида тоза кардан (шустан) 3. *прост.* ғайрат кардан, саъю кӯшиш кардан

шуровка *ж тех.* оташкобӣ, аловтиткунӣ

шурум-бурум *м прост. уст.* 1. *собир. (старьё)* кухнакола, лашулуш, убада 2. *(старьёвщик)* кухнафуруш

шуруп *м* мехи печдор, шуруп

шурф *м горн.* озмун

шуршание *с (по знач. гл.* **шуршать)** хишир-хишир кардан(и); хишир-хишир; шибир-шибир, шақар-шақар, шақаррос; **~ шёлка** хишир-хишири шоҳӣ; **~ листьев** шибир-шибири баргҳо

шурш||ать *несов.* хишир-хишир кардан, шибир-шибир кардан; **листья ~ат** баргҳо шибир-шибир мекунанд; **бумага ~ит** қоғаз шақар-шақар мекунад; **шёлковое платье ~ит** куртаи шоҳӣ хишир-хишир мекунад

шуры-муры *тк. мн. нескл. разг.* ишқбозӣ

шустрый, -ая, -ое (шустёр, шустра, шустро) *разг.* чаққон, чобук, чолок, зирак; **~ мальчуган** бачаи зирак

шут *м* 1. *ист.* масхарабоз, мазҳакачӣ; **придворный ~** масхарабози дарборӣ 2. *(паяц)* масхарабоз, қизикчӣ 3. *перен. разг. пренебр.* хандахариш; **разыгрывать ~а** масхарабозӣ кардан 4. *разг.* шайтон; **~ его знает** ким!, чум!, кӣ медонад!; **~ с ним!** бало ба пасаш!; **на кой ~?** барои чӣ лозим?, чӣ даркор?, чӣ ҳоҷат? ◇ **~ гороховый** хусаи полез; хуса

шутейный, -ая, -ое *прост.* 1. *(весёлый, забавный)* шӯхиомез, шух 2. *(шутливый)* шух, ҳазломез

шутит||ь *несов.* 1. шӯхӣ (ҳазл) кардан; **остроумно ~ь** базлагуӣ кардан; **не верь ему, он шутит** ба вай бовар накун, шухӣ мекунад 2. *над кем-чем (насмехаться)* масхара (тамасхур, истеҳзо, мазоҳ) кардан 3. *чем* эътино накардан; ба эътибор нагирифтан; **этим не ~е** ин корро ҳазл нафаҳмед (надонед) ◇ **шутки ~ь** 1) *(забавляться, развлекаться)* хушвақтӣ (шодӣ) кардан; 2) *(издеваться, насмехаться)* масхара (писханд) кардан; **~ь с огнём** бо думи шер бозӣ кардан; **чем чёрт не шутит!** аҷаб нест ки...!, олам ҳодис!, раваду шавад!

шутиха *ж* 1. *женск. к* **шут** 1; 2. *(фейерверочная ракета)* мушаки тарф, мушаки оташбозӣ

шут||ка *ж* 1. ҳазл, шухӣ; аския, кофия; **плоская ~ка** шухии бемаза; **злая ~ка** ҳазли бад; **глупая ~ка** шухии беҷо (аҳмақона); **ему не до ~ок** ба дилаш хазл намеғунҷад 2. *(комическая пьеса)* пьесаи мазҳакавӣ ◇ **в ~ку** ҳазл карда, ба тарики ҳазл, ҳазломезона; **сказать в ~ку** ба тарики ҳазл гуфтан, ҳазломез гуфтан; **кроме ~ок** бе шухӣ, ҷиддӣ, ҷиддан; **не на ~ку** хеле сахт, бисьёр ҷиддӣ; **выкинуть ~ку** кирдоре (найранге) кардан; **обидеться не на ~ку** сахт ранҷидан; **сыграть злую ~ку с кем-л.** касеро гул задан; **~ки в сторону** хазл бас: ҳазлро монед; **~ка ли**, **~ка сказать** *вводн. сл.* хазл-не; осон-мӣ, ба гуфтан осон, осон не; **с ним ~ки плохи** вай шӯхиро намебардорад, бо вай шӯхӣ накунед

шутковать *несов. обл. см.* **шутить**

шутливо *нареч.* ба тариқи ҳазл, ҳазломез(она); **~ сказать** *что-л.* ҳазл карда гуфтан, ҳазломез гуфтан

шутливость *ж* шухӣ, ҳазлбозӣ

шутлив||ый, -ая, -ое (шутлив, -а, -о) *разг.* 1. шух, ҳазлбоз, ширинкор; **~ый характер** ҳазлдустӣ, ширинкорӣ 2. шухиомез, ҳазломез, ширинкорона; **~ый тон** оҳанги ҳазломез; **~ое прозвище** лақаби шӯхиомез; **~ый разговор** гуфтугӯи ширинкорона

шутник *м* ҳазлбоз, шӯх

шутница *женск. к* **шутник**

шутовск||ой, -ая, -ое 1. ...и масхарабоз, ...и мазҳакабоз, ...и қизикчӣ; **~ой колпак** калпоқи (кулоҳи) масхарабоз 2. масхарабозона; **~ая выходка** қиликҳои масхарабозона

шутовство *с* масхаракорӣ, қиликҳои масхарабозӣ

шуточн||ый, -ая, -ое ҳазломез, шӯхиомез, мазҳакаомез; **~ая песня** суруди мазҳакаомез (шухиомез) ◇ **это дело не ~ое** ин кори хазл не, ин кори ҷиддист

шутя 1. *нареч.* ба осонӣ, осон, бозӣ-бозӣ карда; **отделаться от чего-л. ~** аз ягон кор ба осонӣ халос шудан 2. *нареч. (в шутку)* ба тарики шӯхӣ, ҳазл карда ◇ **не ~** ҷиддӣ

шушваль *ж уст. прост. см.* **шушера**

шушера 1. *м, ж собир. прост.* одамн паст, нокас, сифла

шушпан *м уст.* ҷомаи занон

шушуканье *с (по знач. гл.* **шушукаться)** пичир-пичир кардан(и); *(звуки)* пичир-пичир; **послышалось ~** пичир-пичир ба гӯш расид // *чаще мн.* **шушуканья** *(сплетни, пересуды)* ғайбат, суханчинӣ

шушукать *несов.* 1. *уст. (шуметь, шелестеть)* хишир-хишир (шибир-шибир) кардан, хиширрос кардан 2. *прост. см.* **шушукаться**

шушукаться *несов. разг.* пичир-пичир кардан // *(сплетничать)* ғайбат (суханчинӣ) кардан

шушун *м уст.* чапон

шхеры *тк. мн.* шхерҳо *(майдаҷазираҳои харсангӣ дар наздикии соҳилҳои серҷар)*

шхуна *ж* киштии бодбони

шш *межд.* чим!, хомӯш!, дам!

Щ

щавелев||ый, -ая -ое ...и шилха, ...и туршак, ...и қав; шилхагӣ, шилхагин; **~ые щи** шилхашӯрбо, ◇ **~ая кислота** *хим.* кислотаи оксалат

щавел||ь *м бот.* шилха, туршак, қав; **щи из ~я** шилхашӯрбо

щавельник *м разг.* 1. *см.* **щавель**; 2. *(щи)* шилхашурбо

щавельный, -ая, -ое *см.* **щавелевый**

щадить *несов. кого-что* 1. амон додан, раҳм (тараҳҳум) кардан; **никого не ~**

ба ҳеҷ кас амон надодан 2. дареғ доштан, эҳтиёт (риоя) кардан; ~ **здоро́вье** саломатиро эҳтиёт кардан; **не щадя́ сил** қувваи худро дареғ надошта; ~ **чьё-л. самолю́бие** иззати нафси касеро риоя кардан

щебёнка *ж разг. см.* **щёбень** 1

щебёночн||ый, -ая, -ое ...и сангреза, ...и шағал, шағали; **~ая на́сыпь** пуштаи шағали

щёбень *м* сангреза, шағал

щёбет *м* чиқ-чиқ, чаҳ-чаҳ, чиғир-чиғир, чуғур-чуғур; ~ **птиц** чаҳ-чаҳи паррандаҳо

щебета́ние *с* (*по знач. гл.* **щебета́ть**) чиқ-чиққунӣ, чаҳ-чаҳкунӣ, чуғур-чуғуркунӣ; ~ **ла́сточек** чиқ-чиққунии фароштурук; **весёлое** ~ **дете́й** чуғур-чуғури шодиёнаи бачаҳо

щебета́ть *несов.* 1. чиқ-чиқ (чаҳ-чаҳ, чуғур-чуғур) кардан 2. *перен. разг.* тез гап задан, бидиррос задан, бидир-бидир кардан

щебету́нья *ж разг.* 1. чиқак, залич, чиқ-чиққунак 2. *перен.* зани (духтари) бидирросӣ

щебнево́й, -а́я, -о́е сангрезагӣ, шағали; ~ **слой** табақаи шағали

щебни́ст||ый, -ая, -ое *геол.* сангрезанок, шағаломез; **~ая гли́на** гили шағаломез

щеглёнок *м зоол.* чӯҷаи саъба

щегло́вка *ж зоол.* модинаи саъба

щегля́чий, -ья, -ье ...и саъба; ~ **щёбет** чиқ-чиқи саъба

щего́л *м зоол.* саъба

щеголева́тость *ж* олуфтагӣ, озодапушӣ, хушлибосӣ

щеголева́тый, -ая, -ое (щеголева́т, -а, -о) олуфта, озодапуш, хушлибос, ороста, худоро

щеголи́ха *женск. к* **щёголь**

щёголь *м* олуфта, озодапуш, хушлибос, худоро

щегольну́ть *сов. однокр. к* **щеголя́ть**

щегольск||о́й, -а́я, -о́е 1. олуфтагӣ, ...и олуфта, озодапуш, кӯҷошинам, бокарруфар; **~о́е пальто́** пальтои кӯҷошинам 2. *(молодцеватый)* сатанг

щегольство́ *с* 1. олуфтагӣ, худорой 2. худситой, худнамой, сатангӣ

щеголя́нье *с* (*по знач. гл.* **щеголя́ть**) худорой, худнамой

щеголя́ть *несов.* 1. худорой кардан, либосҳои бокарруфар пушидан; худнамой кардан; **он лю́бит** ~ у либосҳои бокарруфар пушиданро дуст медорад; ~ **в но́вом пла́тье** ба куртаи нави худ бино мондан 2. *чем, перен. разг.* лоф задан, бодигӣ (худситой, худнамой) кардан; ~ **зна́ниями** бо донишҳои худ худситой кардан

ще́дро *нареч.* олиҳимматона, саховатмандона; ~ **одари́ть кого́-л.** ба касе бисьёр саховат кардан; ~ **обеща́ть** ваъдаи бебаркаш додан

ще́дрость *ж* кушодадастӣ, саховат, олиҳимматӣ, карими; **отлича́ться ~ю** саҳӣ (олиҳиммат) будан

щедро́ты *мн. уст.* файз, карам ◇ **от [свои́х] щедро́т** *уст. ирон.* аз файзи худ

ще́др||ый, -ая, -ое (щедр, -а́, -о) 1. кушодадаст, саҳӣ, босаховат, олиҳиммат, карим; **~ый челове́к** одами саҳӣ; **~ый на обеща́ния** ваъдафуруш, ваъдабоз 2. фаровонҳосил; **~ая земля́** замини фаровонҳосил 3. *перен.* бисьёр, хеле, калон; **~ое вознагражде́ние** мукофоти калон ◇ **~ою руко́ю**, **~ой руко́й** бо дасти кушод, сахиёна

щека́ *ж* 1. ру, рухсор(а); **румя́ные щёки** рухсораҳои сурх 2. *тех.* паҳлу, ён; ~ **рукоя́тки** паҳлуи даста ◇ **уплета́ть (упи́сывать) за о́бе щеки́** дулунҷа хурдан

щека́стый, -ая, -ое (щека́ст, -а, -о) *прост.* кулчару

щеко́лд||а *ж* ғалақаи дар; **запере́ть дверь на ~у** ғалақаи дарро гузарондан

щекота́ние *с* (*по знач. гл.* **щекота́ть**) қитиққунӣ; хоридан(и); **почу́вствовать** ~ **в го́рле** хоридани гулуро ҳис кардан

щекота́ть *несов. кого-что* 1. қитиқ (чичолак) кардан; хоридан; **у меня́ щеко́чет в го́рле** *безл.* гулуям мехорад 2. *перен.* форидан, форам ангехтан; ~ **не́рвы** асабро форам ангехтан

щеко́тк||а *ж* қитиққунӣ, қитиқ; **боя́ться ~и** қитиқ доштан

щекотли́вость *ж* нозукӣ; ~ **положе́ния** нозукии вазъият

щекотли́в||ый, -ая, -ое (щекотли́в, -а, -о) 1. *уст. разг.* қитиқдор 2. *уст. (щепетильный)* нозуктабиат, латиф, зариф 3. нозук; **~ое поруче́ние** супориши нозук

щеко́тно *в знач. сказ. безл.* қитиқ меояд; **мне** ~ қитиқам меояд

щеко́тный, -ая -ое, *разг.* қитиқовар

щелев||о́й, -а́я, -о́е 1. *тех.* тарқишдор, шикофдор, роғдор; **~а́я анте́нна** антеннаи тарқишдор 2. *лингв.* роғӣ; **~о́й согла́сный** ҳамсадои роғӣ

щели́стый, -ая, -ое (щели́ст, -а, -о) *разг.* сертарқиш, сершикоф, серроғ; ~ **пол** поли серроғ

щёлк I *м разг.* карс, тақки, тарс-турс

щёлк II *межд.* 1. *звукоподр.* қарс-қарс, тақ-тақ, қирс-қирс 2. *в знач. сказ. разг.* як ҳуппоқ задам (задӣ, зад *ва ғ.*); **он его́** ~ **по́ лбу вай** уро як ҳуппок ба пешониаш зад

щёлк||а *ж* рахнача, роғча, шикофча; **загляну́ть в ~у** аз роғи дар нигоҳ кардан

щёлканье *с* (*по знач. гл.* **щелка́ть**) ҳуппоқ задан(и); *(звуки)* қарс-қарс, қирс-қирс; чаҳ-чаҳ

щёлка||ть *несов.* 1. *кого* ҳуппоқ (ангушт) задан 2. қарсос задан, қарс-қарс кардан; *(кастаньетами)* шикан-шикан кардан; **~ют вы́стрелы** қарс-қарси тирпаронӣ шунида мешаванд; **~ть па́льцами** ангуштонро кирс-қирс кунондан 3. *что* қарс-қарс шикастан; **~ть оре́хи** қарс-қарс чормағз шикастан 4. *(о птицах)* чаҳ-чаҳ кардан, чаҳ-чаҳ задан; **в саду́ ~л солове́й** дар боғ булбул чаҳ-чаҳ мезад ◇ **~ть зуба́ми** *прост.* сахт гуруснагӣ кашидан

щёлкнуть *сов. однокр. к* **щёлкать**

щелкопёр *м уст. презр.* шоиртарош, гапбоф, шеърбоф

щелкотня́ *ж разг.* тез-тез қарс-қарскунӣ, қирс-қирскунӣ; чарсочурс, қарсоқурс

щелку́н *м* 1. *разг.* қарс-қарскунанда 2. *перен. уст. разг.* камхирад, бемулоҳиза, кутоҳандеш, сабукрой, сабукмағз 3. *зоол.* суворак

щелку́нчик *м уменьш.-ласк. к* **щелку́н** 1

щёлок *м* ишқоробб, хокистароб, оби ишқорнок

щелочи́ть *несов. что* ишқороб (ишқор) андохтан, ишқороб ҳамроҳ кардан; ~ **во́ду** ба об ишқор андохтан (задан)

щелочн||о́й, -а́я, -о́е 1. ишқордор, ишқорнок; **~а́я вода́** оби ишқордор 2. *хим.* ишқорзо, ишқорофар; **~а́я реа́кция** реакцияи ишқорзо 3. *хим.* ишқорӣ; **~о́й раство́р** маҳлули ишқорӣ 4. *тех.* ишқорӣ, бо ишқор амалкунанда; **~о́й аккумуля́тор** аккумулятори ишқорӣ

щёлочность *ж хим.* ишқорнокӣ, ишқордорӣ; ~ **почв** ишқорнокии хок

щёлоч||ь *ж хим.* ишқор; **е́дкие ~и** ишқорҳои тез

щелчо́к *м* 1. ҳуппоқ; ~ **по́ носу** ба бинӣ ҳуппоқ задан 2. қарс, қурс, қарсос; ~ **вы́стрела** қарсоси тирпаронӣ 3. *перен. разг.* таҳқири иззати нафс

щель I *ж* тарқиш, шикоф, рахна, роғ; ~ **в стене́** тарқиши девор 2. *анат.* роғ; **голосова́я** ~ роғи садопардаҳо 3. *тех.* сурох; *воен.* паногоҳ

щеми́||ть *несов.* 1. *что* фишор додан, фушурдан, тазьиқ (танг) кардан 2. *перен.* зиқ кардан, дилтанг кардан; **пе́сня ~т ду́шу** суруд дилро об мекунад 3. дард кардан, сухтан; танг шудан; **у меня́ ~т се́рдце** дилам танг мешавад

щемя́щ||ий, -ая, -ее 1. *прич.* фишордиҳанда, тангкунанда 2. *прил.* беқароркунанда, беоромкунанда; **~ая боль** дарди беқароркунанда 3. *прил. перен.* зиққунанда, азобдиҳанда; **~ее чу́вство** ҳиссиёти зиққунанда

щени́ться *несов.* зоидан *(дар бораи саг, гург, рубоҳ ва ғ.)*

щённая (щённа) бордор *(дар бораи саг, гург, рубоҳ ва ғ.)*

щено́к *м* 1. сагбача, кучукбача 2. *перен. прост. бран.* хом, бачаи ширмак, кудак

щеня́чий, -ья, -ье ...и сагбача, ...и кучукбача; ~ **визг** вангаси сагбача

щепа́ *ж* параха

щепа́льн||ый, -ая, -ое парахагирак, парахакунак; **~ая маши́на** мошини парахакунак

щепа́ние *с* (*по знач. гл.* **щепа́ть**) парахатарошӣ; ~ **лучи́ны** нугчатарошӣ

ще́пан||ый, -ая, -ое тарошида шуда; **~ая лучи́на** нугчаи тарошидашуда

щепать *несов. что* параха тарошидан; ~ **лучи́ну** нугча тарошидан

щепа́ться *несов. страд.* параха тарошида шудан

щепети́льность *ж* нозуктабиатӣ, но-

зукӣ; **проявлять** ~ нозуктабиатӣ зоҳир кардан

щепетильн||ый, -ая, -ое (щепети|лен, -льна, -льно) 1. *тк. полн. ф. уст.* ...и чарчинворӣ ва атриёт; **~ые товары** молхои чарчинворӣ ва атриёт 2. *уст. (изысканный, модный)* нозук, латиф, зариф 3. *уст. (придирчивый, мелочный)* хурдагир, муллонукотӣ, майдагап, айбҷӯй 4. расмиятпараст, майдакор; нозукмуомила, нозуктабиат 5. нозук; **~ый вопрос** масъалаи нозук

щепк||а *ж* параха; **разлететься в ~и** чинга-чинга (пора-пора) шудан, титу парешон гаштан ◇ **худой как ~а** чӯб барин қоқ (лоғар, хароб); **лес рубят — ~и летят** *посл.* ≈ дарахтро занӣ, шохаш меларзад

щепн||ой, -ая, -ое *уст.* чубин; **~ая посуда** зарфҳои чубин; **~ая лавка** дукони зарфҳои чубин

щепотка *ж см.* **щепоть**

щепоть *ж* 1. чимдӣ 2. як чимдӣ; ~ **соли** як чимдӣ намак

щепяной, -ая, -ое *уст. см.* **щепной**

щербат||ый, -ая, -ое (щербат, -а, -о) 1. дағар-буғур; **~ая мостовая** роҳи тахтафарши дағар-буғур 2. *разг. (рябой)* чӯтур, парзада, парзадаруй; **~ое лицо** рӯи чӯтур ◇ **~ый рот** даҳани бедандон; **~ые ребятишки** кудакони даҳонашон бедандон

щербина *ж* 1. дандонаи корд 2. чои афтидаи дандон 3. *разг.* пашшахурда

щерить *несов. что разг.* гиз кардан; ~ **зубы** дандонро гиз кардан

щериться *несов. разг.* 1. дандонро гиз кардан 2. тамасхур кардан

щетина *ж* 1. пашм; кил; **свиная** ~ пашми хук 2. *разг.* пашми руй 3. *(щётки)* пашми чутка

щетинистый, -ая, -ое (щетинист, -а, -о) серпашм, дурриштмӯй; ~ **подбородок** манаҳи серпашм

щетинить *несов. что разг.* фах кардан, фахидан; ~ **шерсть** мӯйро фах кардан

щетиниться *несов. разг.* 1. *(о шерсти, щетине)* рост шудан, хестан *(дар бораи мӯй ва пашм)* 2. муи (пашми) худро сих (фах) кардан 3. *перен. прост.* хашмгин шудан, ба ғазаб омадан, дар ғазаб шудан

щетинка *ж* 1. *уменьш.-ласк. к* **щетина**; 2. *мн.* **щетинки** *зоол.* пашмакҳои ламс *(дар ҳашароти буғумпой)* 3. *мн.* **щетинки** *бот.* пашмак *(дар поя ва баргҳои растаниҳо)*

щетинник *м бот.* қуноқак

щетинный, -ая, -ое ...и пашм, пашмин, ...и қил

щётка *ж* 1. чутка; **зубная** ~ чуткаи дандон; ~ **для обуви** чуткаи пойафзол; **платяная** ~ чуткаи либос 2. *(у лошадей)* пашми бучулаки асп 3. *тех.* чутка *(қисми мошини электрики)*

щёткодержатель *м* чуткадорак *(қисми мошини электрики)*

щёточка *ж* чуткача

щёточн||ый, -ая, -ое ...и чӯтка; **~ое производство** чӯткасозӣ // *тех.* чӯткадор; **~ая машина** мошини кучарубак

щёчн||ый, -ая, -ое ...и рӯй, ...и рухсора; **~ые мышцы** *анат.* мушакҳои руй

щи *тк. мн.* карамшурбо; **зелёные щи** шилхашӯрбо, таракшурбо; **кислые щи** карамшурбои туршак ◇ **попасть как кур во щи** ба балои ногаҳонӣ гирифтор шудан, ба каҳдуд мондан

шиколка *ж прост. см.* **щиколотка**

щиколотк||а *ж* бучулаки пой; **увязнуть в песке по ~у** то бучулаки пой ба рег ғӯтидан

шипальн||ый, -ая, -ое ...и титкунӣ, ...и ғозкунӣ; **~ые работы** ғозкунӣ; **~ые машины** мошинҳои ғозкунӣ

щипание *с (по знач. гл.* **щипать***)* пучидан(и); кашидан(и); титкунӣ; сузиш; кандан(и); чидан(и); ~ **травы** кандани алаф

шипанный *прич.* (щипан, -а, -о) паркандашуда

щипан||ый, -ая, -ое парканда, муйканда; **~ая курица** мурғи парканда

щипать *несов.* 1. *кого-что* пучидан, чимдӣ кардан 2. *что* кашидан, чидан, кандан, силтав кардан; ~ **брови** абру чидан 3. *что* тит кардан, фах (сих) кунондан, фаххос занондан; ~ **мочало** лифро тит кардан 4. сӯхтан, сӯзондан, сузиш кардан; **мороз щиплет щёки** аз хунукӣ руй ба сузиш медароянд; **перец щиплет язык** каламфур забонро месӯзонад; **дым щипал глаза** аз дуд чашм месухт 5. *что* кандан, чидан; ~ **траву** алаф чидан; ~ **дичь** сайдро пар кандан

щипаться *несов.* 1. *см.* **щипать** 1; 2. *(друг друга)* ҳамдигарро пучидан, пучидан, чимдӣ кардан 3. *страд.* сухта шудан; канда (чида) шудан

щипец 1. *м архит.* сари синҷ 2. *охот.* фуки саг

щипка *ж (по знач. гл.* **щипать** 4, 5*) разг.* титкунӣ; кандан(и), парканӣ; ~ **гусей** парканин ғозҳо

шипков||ый, -ая, -ое *муз.*: **~ые музыкальные инструменты** асбобҳои торин мизробии мусиқӣ

щипнуть *сов. однокр. к* **щипать** 1—3

щипок *м (по знач. гл.* **щипать** 1—3*)* чимдӣ, сузиш

щипцы *тк. мн.* анбур, гиро, оташгирак; ~ **для сахара** анбури қандшиканӣ, қандшиканак; ~ **для завивки волос** анбури муйҷингилакунӣ

щипчики *тк. мн.* анбӯрча, оташгирак

щит *м* 1. *ист.* сипар 2. панҷара, чапарак, чиғ 3. *гидр.* дарвозаи дарғот 4. *тех.* рубанди тоннель 5. *зоол.* зиреҳ *(пусти сахти баъзе ҳайвонот)*; 6. *(доска, стенд)* лавҳа, тахта 7. *воен.* нишон(а), ҳадаф; **стрельба по ~ам** машки нишонзанӣ 8. *спорт.* тахтасипари баскетболбозӣ ◇ **проходческий** ~ *горн.* мошини нақбканӣ; **поднять на** ~ *кого-что* болобардор (таъриф, ситоиш) кардан; **со ~ом вернуться** ғолиб (музаффар) будан

щитовидн||ый, -ая, -ое: **~ая железа** *анат.* ғадуди сипаршакл; **~ый хрящ** *анат.* тағояки сипаршакл

щитовка *ж зоол.* сипарболак *(як намуди ҳашароти зарарнок)*

щитовник *м бот.* хасанак

щитовой, -ая, -ое 1. ...и панҷара, ...и чапарак, ...и чиғ 2. *гидр.* ...и дарвозаи дарғот

щиток *м* 1. *см.* **щит** 2, 6; 2. *зоол.* сипарчаҳои боли гамбуск 3. *бот.* тӯдагули сипаршакл

щука *ж зоол.* шуртан

щуп *м тех.* сих (1. *пармачаи дасти барои таҳқиқи маъдан* 2. *асбоби ошкор кардани минаҳои таки хок* 3. *найчаи дарунхолӣ барои аз таки ғалла орд ва ғ. гирифтани намуна* 4. *асбоби махсуси муайян кардани роғи қисмҳои механизмҳо*)

щупальца *мн.* (*ед.* **щупальце** *с*) мӯйлаби (харгумаки) ламс *(дар баъзе ҳашарот ва ҳайвонот)*

щупанье *с (по знач. гл.* **щупать***)* даст-дасткунӣ, палмоскунӣ, ламскунӣ

щупать *несов.* 1. *кого-что* даст-даст кардан, палмосидан, ламс кардан; ~ **пульс** набзро дидан 2. *что (исследовать щупом)* бо сих тафтиш кардан ◇ ~ **глазами (взором)** бо диққат аз назар гузарондан

щупик *м зоол.* муйлаби ламс *(дар ҳашароти буғумпо)*

щуплость *ж* чуррукӣ, заифӣ, сустӣ; назарногирӣ

щупл||ый, -ая, -ое (щупл, -а, -о) 1. *разг.* чуррук, заиф, суст; назарногир; **~ый старичок** пираки назарногир 2. *с.-х.* нопурра, пастсифат, каммағз, пуч; **~ое зерно** ғаллаи миттазада

щур I *м зоол.* қурқурикаррок

щур II *м миф.* пир, саравлод, сарқавм

щурёнок *м* моҳичаи шӯртан

щурить *несов. что* нимпуш кардан *(чашмро)*

щуриться *несов.* 1. *(о человеке)* чашмро нимпӯш кардан; ~ **от яркого света** аз равшанӣ чашмро нимпӯш кардан 2. *(о глазах)* нимпӯш шудан *(оид ба чашм)*

щуч||ий, -ья, -ье ...и шуртан; **~ьи зубы** дандонҳои шуртан; **~ья удочка** шасти шуртангирак ◇ **[как] по ~ьему веленью** бо як пуф, ба як суф, худ ба худ

Э

э I *с нескл.* э *(ҳарфи сиюми алифбои русӣ)* ◇ «э» **оборотное** «э»-и чаппа *(номи ҳарфи «э»)*

э II *межд.* 1. *(при отрицании)* э; **э, нет!** э, не! 2. *(при выражении удивления, недоверия, досады, сожаления)* э; **э, уже девять часов!** э, соат аллакай нуҳ-ку! 3. *(выражает заминку в речи от смущения, неожиданности)* э, э-э; **если можно..., э-э... верните книгу** агар малол наояд..., э-э китобро гашта медодед

эбе́нов||ый, -ая, -ое обнусӣ, ...и обнус; ~**ое де́рево** дарахти обнус

эбони́т *м* эбонит (*маҳсули сахти вулканизацияи резинҳои табиӣ ва сунъӣ*)

эбони́товый, -ая, -ое ...и эбонит, эбонитӣ

эвакопу́нкт *м* (эвакуационный пункт) пункти эвакуатсионӣ, ҷои тахлия; **полево́й** ~ пункти сайёри тахлия

эвакуацио́нный, -ая, -ое ...и эвакуация, ...и тахлия

эвакуа́ция *ж* эвакуация, тахлия (*аз ҷойҳои хавфнок мувaққатан ба ҷойҳои осуда кӯчонидани аҳолӣ ва молу анҷом; баровардани қушун аз ҷои ишғолкардаашон; ҳамлу нақли захмдорони муолиҷаталаб ба ақибгоҳ*)

эвакуи́рованн||ый, -ая, -ое 1. *прич., прил.* эвакуацияшуда; тахлияшуда; ~**ое населе́ние** аҳолии эвакуацияшуда 2. *в знач. сущ.* **эвакуи́рованный** *м*, **эвакуированная** *ж* эвакуацияшуда; **списки** ~**ых** руйхати эвакуацияшудагон

эвакуи́ровать *сов., несов. кого-что* эвакуация (тахлия) кардан; ~ **го́род** аҳолии шаҳрро эвакуация кардан

эвакуи́роваться 1. *сов., несов.* эвакуация (тахлия) шудан; ~ **из го́рода** аз шаҳр эвакуация шудан 2. *несов. страд.* эвакуация (тахлия) карда шудан

эве́н *м* эвен; *см.* **эве́ны**

эве́нк *м.* эвенк; *см.* **эве́нки**

эве́нка *ж* эвензан, эвендухтар; *см.* **эве́ны**

эве́нки *мн.* эвенкҳо (*собиқ тунгусҳо; халқиятест дар Округи автономии Эвенкҳо, дар баъзе маҳалҳои Сибирь ва Шарқи Дур; гурӯҳҳои алоҳидаи эвенкҳо дар РХХ ва РХМ маскун мебошанд*)

эвенки́ец *м* эвенк; *см.* **эве́нки**

эвенки́йка *ж* эвенкзан, эвенкдухтар; *см.* **эве́нки**

эвенки́йский, -ая, -ое ...и эвенк, эвенкӣ, ...и эвенкҳо; ~ **язы́к** забони эвенкӣ

эве́нский, -ая, -ое ...и эвен, эвенӣ, ...и эвенҳо; ~ **язы́к** забони эвенӣ

эвентуа́льный, -ая, -ое имконпазир

эве́ны *мн.* эвенҳо (*собиқ ламутҳо; халқест дар РАСС Ёқутистон, Округҳои автономии Коряк, Чукот ва дигар ноҳияҳои Сибирь*)

эвкали́пт *м бот.* эвкалипт (*навъе аз дарахти ҳамешасабз*)

эвкали́птов||ый, -ая, -ое ...и эвкалипт, эвкалиптӣ; ~**ое ма́сло** равғани эвкалипт

эволюциони́зм *м книжн.* эволюционизм, таҳаввулот (1. *таълимотест, ки тамоми чизҳоро дар процесси тараққии доимӣ медонад* 2. *таълимоти зиддиилмие, ки дар процесси тараққиёт ҷаҳишҳои революциониро инкор мекунад*)

эволюциони́рование *с* эволюциякунӣ, таҳаввулот

эволюциони́ровать *несов.* эволюция кардан, таҳаввулот кардан

эволюциони́ст *м* эволюционист, тарафдори таҳаввулот

эволюциони́сти́ческий, **эволюциони́стский**, -ая, -ое ...и эволюция, ...и таҳаввулот

эволюцио́нн||ый, -ая, -ое эволюционӣ, ...и эволюция, ...и таҳаввулот, таҳаввулӣ; ~**ая тео́рия** назарияи эволюционӣ; **с** ~**ой то́чки зре́ния** аз нуқтаи назари эволюционӣ

эволю́ци||я *ж* 1. эволюция, таҳаввул (*процесси тағьирот, аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани касе, чизе*) 2. *филос.* эволюция, таҳаввулот (*як шаҳли тараққиет, ки тағьироти миқдорӣ тадриҷан барои тағьироти сифати замина тайёр мекунад*) 3. *воен.* ҷойивазкунӣ, машқ, ҳаракат; **такти́ческие** ~**и а́рмии** ҷойивазкунии тактикии қушун 4. *ист. разг.* ҳаракат, амал, кор, рафтор

э́врика *межд. книжн.* ёфтам (*нидои шодмонӣ, ки ҳангоми дарк ва кашфи чизе гуфта мешавад*)

эври́стика *ж книжн.* эвристика (1. *усулҳои махсус, ки дар роҳи кашфи чизи нав истифода мешавад* 2. *илмест, ки тафаккури эҷодии пурсамарро тадқиқ ва таҳлил мекунад* 3. *дар Юнони Кадим усули таълим бо роҳи саволу ҷавоб*)

эвристи́ческий, -ая, -ое *книжн.* эвристикӣ, ...и эвристика; ~ **ме́тод преподава́ния** усули эвристикии таълим

эвфеми́зм *м лингв.* эвфемизм (*калима ё иборае, ки ба ҷои ягон калима ва иборaи номувофиқ ё дағалу беадабона кор фармуда мешавад, мас., ба ҷои «буғуз» калимаи «дуҷон»-ро кор фармудан*)

эвфемисти́ческ||ий, -ая, -ое *лингв.* эвфемистӣ, ...и эвфемизм; ~**ое выраже́ние** ибораи эвфемистӣ

эвфони́ческий, -ая, -ое *лит.* ...и эвфония, эвфонӣ, хушоҳанг

эвфони́я *ж* эвфония (1. *фасли поэтика, ки адабиёти бадеиро аз нуқтаи назари таносуби хушоҳангии забон меомӯзад* 2. *дар асоси таносуби хушоҳангии забон навиштани шеър*)

эге́, э-ге-ге́ *межд. разг.* эҳ-хе, уҳҳу, эҳе; **эге́, вот в чём де́ло!** уҳҳу, ана гап дар куҷо!

эги́д||а *ж книжн.*: **под** ~**ой** *чьей* дар зери ҳимояи..., дар сояи..., дар паноҳи...

эгои́зм *м* худбинӣ, худпарастӣ

эгои́ст *м* худбин, худпараст

эгоисти́ческий, -ая, -ое худпараст(она), худбин(она); ~ **посту́пок** рафтори худпарастона

эгоисти́чно *нареч.* худбинона, худпарастона; **поступа́ть** ~ худпарастона рафтор кардан

эгоисти́чность *ж* худбинӣ, худпарастӣ, худбин (худпараст) будан(и); ~ **посту́пка** худпарастона будани рафтор

эгоисти́чный, -ая, -ое (эгоисти́ч|ен, -на, -но) *см.* **эгоисти́ческий**

эгои́стка *женск. к* **эгоист**

эгоцентри́зм *м* ниҳояти худпарастӣ, камоли худбинӣ

эгре́т *м*, **эгре́тка** *ж* туғ, афсор (*як навъ зинати кулоҳи занона*)

э́дак *нареч. прост. см.* **э́так**

э́дакий *нареч. прост. см.* **э́такий**

эдельве́йс *м бот.* шерчангол (*як навъ гули кӯҳӣ*)

эде́м *м* 1. *миф.* биҳишти рӯи замин, ҷаннат, фирдавс 2. *перен.* Ирам, боғи Ирам

эди́кт *м ист.* 1. ахборот 2. маншур, фурмон

эже́ктор *м тех.* эжектор (*насос барои кашида баровардани моеъ, газ ва ҷисмҳои пошхӯранда*)

эзо́пов, -а, -о *см.* **эзо́повский**

эзо́повск||ий, -ая, -ое: ~**ий язы́к** сухани рамзӣ; **говори́ть** ~**им языко́м** бо рамзу киноя гап задан

эзотери́ческий, -ая, -ое: махфӣ, пӯшида, пинҳонӣ (*дар бораи маросимҳои динӣ*); *муқобили* **экзотери́ческий**

эй *межд.* 1. (*при оклике, обращении*) эй, ҳой; **эй, подите сюда!** ҳой, ин ҷо биёед! 2. (*при предостережении*) ой, ҳой; **эй, бу́дьте осторо́жны!** ҳой, эҳтиёт бошед!, ҳой, ҳушьёр шавед!

эйфори́я *ж* кайфчокӣ, димоғчокӣ

эк *прост.* 1. *частица усил.* эх, эхе; **эк ты испа́чкался!** эҳ чи бало чиркин шудай! 2. *нареч.* (*вот как*) ана, мана; **эк он умаялся!** ана вай монда (шалпар) шуд!

эквадо́рец *м* эквадорӣ, сокини Эквадор

эквадо́рка *ж* эквадорзан, эквадордухтар

эквадо́рский, -ая, -ое эквадорӣ, ...и Эквадор, ...и эквадориҳо

эквадо́рцы *мн.* эквадориҳо, сокинони Эквадор

эква́тор *м геогр.* экватор, хати истиво; **небе́сный** ~ экватори осмонӣ; **земно́й** ~ хати истивои замин; **терми́ческий** ~ экватори ҳарорат

экваториа́льн||ый, -ая, -ое *геогр.* экваторӣ, ...и экватор, ...и хати истиво; ~**ые тече́ния** ҷараёни экватории уқьёнус

эквивале́нт *м* эквивалент, ҳаммаъно, ҳамарзиш; **хими́ческий** ~ эквиваленти химиявӣ; **де́ньги — всео́бщий** ~ пул эквиваленти ҳамаи молҳост

эквивале́нтность *ж* эквивалентнокӣ, эквивалентнок будани

эквивале́нтн||ый, -ая, -ое (эквивалент|ен, -на, -но) эквивалентӣ, ҳаммаъно, ҳамарзиш; ~**ые величи́ны** бузургиҳои эквивалентӣ (баробар); ~**ое уравне́ние** *мат.* муодилаи эквивалентӣ

эквилибри́ст *м* дорбоз

эквилибри́стика *ж* дорбозӣ

эквилибри́стка *женск. к* **эквилибри́ст**

э́кер *м геод.* экер, зовиясоз (*асбоб барои тартиб додани зовияҳо дар маҳал*)

экзальтаци||я *ж* ваҷд, ниҳояти шавқу завқ; **находи́ться в** ~**и** дар ҳолати ваҷд будан; **впасть в** ~**ю** ба ваҷд омадан

экзальтиро́ванность *ж* пурваҷдӣ, пурваҷд будан(и)

экзальтиро́ванный, -ая, -ое (экзаль-

тиро́в|ан, -на, -но) пурвачд, бавачдомада; ~ челове́к одами пурвачд

экза́мен *м* имтиҳон, озмоиш, санҷиш; **вступи́тельный (приёмный)** ~ имтиҳони қабул; **госуда́рственные** ~**ы** имтиҳонҳои давлатӣ; **держа́ть** ~ имтиҳон додан; **вы́держать** ~ аз имтиҳон гузаштан; **провали́ться на** ~**е** аз имтиҳон афтодан

экзамена́тор *м* имтиҳонгиранда

экзаменацио́нн||ый, -ая, -ое имтиҳонӣ, ...и имтиҳон, ...и озмоиш, ...и санҷиш; ~**ая се́ссия** сессияи имтиҳонот

экзаменова́ть *несов. кого-что* имтиҳон кардан (гирифтан), озмудан, санҷидан

экзаменова́ться *несов.* 1. имтиҳон додан, аз озмоиш гузоштан 2. *страд.* имтиҳон карда шудан

экза́рх *м* экзарх *(1. ист. саркоҳин дар Юнони Қадим 2. ист. волӣ, ҳокими вилоят дар империяи Византия 3. раиси тоифаи насрониён дар як вилоят)*

экзеку́тор *м уст.* экзекутор *(1. вакили харҷи муассиса дар Россияи тореволюционӣ 2. ҷазодиҳанда)*

экзеку́ция *ж уст.* таъзир *(1. ҷазои сахти ҷисмонӣ 2. иҷрои ҳукми суд ё маъмурият)*

экзе́ма *ж мед.* шукуфа

экземпля́р *м* нусха; **сигна́льный** ~ нусхаи аввалини чоп; **кни́га отпеча́тана тиражо́м в де́сять ты́сяч** ~**ов** китоб даҳ ҳазор нусха чоп шудааст; **ре́дкий** ~ **ро́зы** як сар гули садбарги камьёб

экзистенциали́зм *м филос.* экзистенциализм *(як намуди идеализми субъективӣ, ки дар фалсафа ва адабиёти буржуазии имруза хеле нуфуз дорад ва даъво мекунад, ки мавриди тадқиқи фалсафа фақат одам аст, ки он мабдаи ҳама чиз дониста мешавад)*

экзо- *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «беруна»:* **экзоге́нный** экзогенӣ

экзога́мия *ж этн.* экзогамия *(одате, ки аз қабила, қавм ё аз гуруҳи иҷтимоии худ зангириро манъ мекунад)*; *муқобили* **эндога́мия**

экзога́мный, -ая, -ое *этн.* ...и экзогамия, экзогамӣ

экзоге́нн||ый, -ая, -ое *геол.* экзогенӣ *(процессҳое, ки дар қишри Замин дар натиҷаи таъсири омилҳои беруна — об, ҳаво, ях, барфу борон ва ғ. ба вуҷуд меоянд)*; ~**ые проце́ссы** процессҳои экзогенӣ

экзотери́ческий, -ая, -ое ошкор, маъмул *(дар бораи маросимҳои динӣ)*; *муқобили* **эзотери́ческий**

экзотерми́ческ||ий, -ая, -ое *хим.* гармибахш, ҳароратбарор; ~**ая реа́кция** реакцияи ҳароратбарор

экзо́тика *ж* ғароибот; аҷоибот

экзоти́ческ||ий, -ая, -ое ...и ғароиб, аҷоиб, аҷибу ғариб; ~**ие расте́ния** набототи ғароиб; ~**ий костю́м** либоси аҷибу ғариб

экзоти́чность *ж* аҷобат, ғаробат

экзоти́чный, -ая, -ое (экзоти́ч|ен, -на, -но) *см.* **экзоти́ческий**

экиво́к||и *мн.* (*ед.* **экиво́к** *м*) гапҳои дуҳура: гапҳои кадучадор; **говори́ть** ~**ами** гапҳои дуҳура гуфтан; **говори́ть без** ~**ов** гапро нахоида задан

э́кий, -ая, -ое (эка, эко) *мест. указ. разг.* аҷаб, эҳ; **э́кая доса́да** эҳ, афсус!

экипа́ж I *м (повозка)* фойтун; **ехать в** ~**е** ба фойтун савор шуда рафтан

экипа́ж II *м (команда)* экипаж *(ҳайати идоракунандаи киштӣ, самолёт ва танк)*; ~ **линко́ра** экипажи линкор; ~ **самолёта** экипажи самолёт

экипи́ровать *сов., несов. кого-что* таҷҳиз кардан, бо либосу анҷом таъмин кардан; ~ **альпини́стов** кӯҳнавардонро таҷҳиз кардан

экипирова́ться 1. *сов., несов.* таҷҳиз ёфтан, бо либосу анҷом таъмин шудан; ~ **в доро́гу** рахти сафар бастан 2. *несов. страд.* таҷҳиз карда шудан

экипиро́вка *ж* 1. (*по знач. гл.* **экипирова́ть**) таҷҳиз кардан(и), бо либосу анҷом таъмин кардан(и); (*по знач. гл.* **экипирова́ться**) таҷҳиз ёфтан(и), бо либосу анҷом таъмин шудан(и); ~ **уча́щихся** бо асбобу анҷом таъмин кардани хонандагон 2. таҷҳизот, либосу анҷом; **зи́мняя** ~ либосу анҷоми зимистона

эклампси́я *ж мед.* эклампсия *(касалии вазнини занҳои ҳомиладор)*

эклекти́зм *м* эклектизм, ихтилот, илтиқот *(набудани суботу низом дар ақида ва назария; дону нодон маҳлут кардани фикру ақидаву услуби равияҳои ба ҳам мухолиф)*

экле́ктик *м* эклектик *(одаме, ки ба эклектизм майл дорад, ба таври эклектики фикр мекунад)*

эклектика *ж см.* **эклекти́зм**

эклекти́ческ||ий, -ая, -ое эклектикӣ, ...и эклектизм; ~**ая филосо́фия** фалсафаи эклектикӣ

эклекти́чность *ж* эклектикӣ будан(и); ~ **взгля́дов** эклектикӣ будани ақидаҳо

эклекти́чный, -ая, -ое (эклекти́ч|ен, -на, -но) *см.* **эклектический**

экли́птика *ж астр.* эклиптика, мадори Офтоб

экло́га *ж лит.* эклога *(навъи назм дар адабиёти антиқӣ ва баъдтар Европа, ки ба тарзи саволу ҷавоб иншо шуда ҳаёти деҳотӣ, чупонону подабонҳои беғами хушбахтро иғроқомез мадҳ мекунад)*

экологи́ческ||ий, -ая, -ое *биол.* экологӣ, ...и экология; ~**ие наблюде́ния** мушоҳидаҳои экологи

эколо́гия *ж биол.* экология *(илмест, ки аз як тараф муносибати дохилии ҳайвоноту набототу микроорганизмҳоро ва аз тарафи дигар, муносибати ҳамаи онҳоро бо муҳит таҳлил ва тадқиқ мекунад)*; **прикладна́я** ~ экологияи амалӣ; **социа́льная** ~ экологияи иҷтимоӣ *(фасли социология, ки масъалаҳои муносибати инсон ва муҳитро таҳлил ва тадқиқ мекунад)*

эконо́м *м* 1. *уст.* одами сарфакор (сарфагар) 2. вакили харҷ

экономайзер *м тех.* экономайзер *(1. дастгоҳест, ки об ё ҳавои ба деги бухор дарояндаро бо дуди худи дег ва ё бухори берун рафтаи он гарм мекунад ва бо ҳамин сузишвориро сарфа менамояд 2. ҷиҳозест, ки ба сузишвории карбюратор ҳаво дамида сарфи онро камтар мекунад)*

экономи́зм *м ист.* иқтисодчигӣ *(ҷараёни оппортунистӣ дар байни социал-демократҳои рус дар охири асри 19 ва аввали 20, ки муборизаи иқтисодиро дар мадди аввал монда муборизаи сиёсиро инкор мекард)*

эконо́мик||а *ж* иқтисодиёт; ~**а капитали́зма** иқтисодиёти капитализм; ~**а Се́вера** иқтисодиёти Шимол; ~**а се́льского хозя́йства** иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ; ~**а промы́шленности** иқтисодиёти саноат; ~**а страны́** иқтисодиёти мамлакат; **национа́льная** ~**а** иқтисодиёти миллӣ; **руково́дство** ~**ой** роҳбарии иқтисодиёт

экономи́ст *м* иқтисодчӣ, мутахассиси иқтисодиёт

эконо́мить *несов. что, в чём, на чём* сарфа кардан; ~ **топливо** сузишвориро сарфа кардан; ~ **свои́ си́лы** қувваи худро эҳтиёт кардан

экономи́чески *нареч.* иқтисодан. **аз** ҷиҳати иқтисодӣ; ~ **осво́енный райо́н** ноҳияи иқтисодан азхудшуда; ~ **вы́годно** иқтисодан фондаовар

экономи́ческ||ий, -ая, -ое иқтисодӣ; ~**ий укла́д** сохти иқтисодӣ; ~**ий кри́зис** бӯҳрони иқтисодӣ; ~**ая география** географияи иқтисодӣ; ~**ая поли́тика** сиёсати иқтисодӣ; ~**ие иссле́дования** тадқиқоти иқтисодӣ; ~**ое стимули́рование** ҳавасмандгардонии иқтисодӣ; ~**ая рефо́рма** ислоҳоти иқтисодӣ; **вне́шние** ~**ие свя́зи** робитаҳои хориҷии иқтисодӣ

экономи́чность *ж* басарфагӣ, камхарҷӣ; ~ **двигателя** басарфагии муҳаррик

экономи́чный, -ая, -ое (экономи́ч|ен, -на, -но) басарфа, камхарҷ; ~**ая маши́на** мошини камхарҷ

эконо́ми||я *ж* 1. сарфаҷӯӣ, сарфакорӣ; **режи́м** ~**и** тартиби сарфакорӣ; **соблюда́ть** ~**ю** сарфаҷӯӣ кардан, сарфакориро риоя кардан 2. сарфа; ~**я средств** сарфаи маблағ 3. *ист.* мулк *(махсусан молу амволу замини помещик, ки ба тарзи капиталистӣ амал мекунад)* 4. иқтисод, иқтисодиёт; идораи давлатии иқтисодиёт *(номи баъзе муассисаҳои ҳукуматии Россияи подшоҳӣ)* ◇ **полити́ческая** ~**я** иқтисодиёти сиёсӣ

эконо́мка *ж уст.* кадбону

эконо́мничать *несов. разг.* хасисӣ кардан, сахтӣ кардан

эконо́мно *нареч.* сарфакорона, боэҳтиёт; ~ **расхо́довать материа́лы** масолеҳро сарфакорона харҷ кардан

эконо́мность *ж* басарфагӣ, сарфакорӣ; ~ **расхо́дов** сарфакори харочот

эконо́мный, -ая, -ое (эконо́м|ен, -на, -но) 1. басарфа, сарфаҷуй, сарфакор;

~ хозяин хӯҷаини сарфакор 2. басарфа, камхарҷ; ~ двигатель муҳаррики басарфа; ~ способ литья усули камхарҷи рехтагарӣ

экосез *м* экосез (1. *рақси қадимии халқии шотландӣ, ки аз охири асри 17 сар карда ба маънули рақси базмӣ зиёфатҳо табдил ёфт* 2. *мусиқии чунин рақс*)

экран *м* 1. экран, парда, ҳиҷоб, ҳоил; ~ **перед камином** ҳоили оҳанини пеши конун 2. *кино* экран; **кинематографический** ~ экрани кино; **широкий** ~ экрани васеъ 3. *перен.* кино, санъати кино; **артисты** ~**а** артистони кино ◇ ~ **плотины** қабати обногузари сарбанд; **голубой** ~ оинаи нилгун

экранизация *ж* экранизация, ба кино гирифтан(и); ~ **романа** ба кино гирифтани роман

экранизировать *сов., несов. что* экранизация кардан

экранирование *с тех.* хоилонӣ (*аз таъсири майдонҳои магнитию электрики ва афканишоти гуногун муҳофизат кардани асбобу дастгоҳ, объектҳои биологи ва худи инсон*)

экранировать *сов., несов. что тех.* ҳоилонидан; ~ **прибор** асбобро ҳоилонидан

экс= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «собиқ»:* **экс-чемпион** экс-чемпион, собиқчемпион

эксгумация *ж мед.* эксгумация (*аз гӯр кашида баровардани мурда ба мақсади тафтишоти судию тиббӣ, криминалистӣ ё патологоанатомӣ*)

экскаватор *м* экскаватор; **гусеничный** ~ экскаватори тасмачарх; **шагающий** ~ экскаватори қадамзананда

экскаваторный, -ая, -ое ...и экскаватор, экскаваторӣ, ...и мошини заминкан; ~ **ковш** хокандози экскаватор

экскаваторщик *м* экскаваторчӣ

экс-король *м* шоҳи собиқ, шоҳи маъзул

экскременты *мк. мн.* наҷосат

экскреция *ж физиол.* ихроҷ

экскурс *м* руҷуъ, гурез; ~ **в область истории** руҷуи таърихӣ

экскурсант *м* экскурсант, экскурсиячӣ, иштирокчии экскурсия

экскурсантка *женск. к* **экскурсант**

экскурсионн||ый, -ая, -ое ...и экскурсия, экскурсионӣ; ~**ое бюро** бюрои (идораи) экскурсионӣ

экскурси||я *ж* 1. экскурсия, саёҳат; ~**я в музей** экскурсия ба музей; ~**я в горы** саёҳати кӯҳсор 2. экскурсия, гурӯҳи экскурсиячиён; **сопровождать** ~**ю** роҳбалади экскурсия будан; **давать объяснения** ~**и** ба экскурсиячиён эзоҳот додан

экскурсовод *м* роҳбари экскурсия, барандаи экскурсия

экслибрис *м* экслибрис (*тугрои соҳибияти китоб, ки ба даруни муқоваи китоб часпонда мешавад*)

экспансивно *нареч.* бо тезӣ, бо тундӣ, тундмизоҷона; **вести себя** ~ тундмизоҷона рафтор кардан

экспансивность *ж* тезӣ, тундӣ, тундмизоҷӣ; ~ **характера** тундмизоҷӣ

экспансивн||ый, -ая, -ое (экспансив|ен, -на, -но) тез, тунд, тундмизоҷ; ~**ая натура** одами тез

экспансионизм *м полит.* ғосибӣ

экспансионист *м полит.* ғосиб

экспансионистск||ий, -ая, -ое *полит.* ғосибона; ~**ая политика** сиёсати ғосибона

экспансия *ж полит* ғасб; **империалистическая** ~ ғасби империалистӣ; **экономическая** ~ ғасби иқтисодӣ

экспатриация *ж* муҳоҷират, ҷалои ватан

экспатриировать *сов., несов. кого* муҳоҷир кардан, ҷалои ватан кунонидан

экспатриироваться *сов., несов.* 1. муҳоҷир шудан, ҷалои ватан шудан 2. *несов. страд.* муҳоҷир карда шудан

экспедировать *сов., несов. кого-что* фиристодан, ирсол намудан, равона кардан

экспедитор *м* экспедитор; мудири ирсол

экспедиционн||ый, -ая, -ое экспедиционӣ, ...и экспедиция; ~**ое оборудование** таҷҳизоти экспедиционӣ; ~**ые войска** қушуни экспедиционӣ

экспедиция *ж* 1. экспедиция, равона кардан(и). ирсол, фиристодан(и); ~ **товаров** молфиристонӣ, равона карданй молу ашьё 2. шӯъбаи ирсол; **газетная** ~ ирсоли рӯзномаҳо 3. экспедиция; **геологическая** ~ экспедицияи геологӣ 4. (*коллектив*) ҳайати экспедиция, коллективи экспедиция; ~ **в двадцать человек** экспедицияи ҳайаташ бист нафар

эксперимент *м* таҷриба, раван, санҷиш, озмун, озмоиш; **физический** ~ таҷрибаи физикӣ; **космический** ~ равани кайҳонӣ; **научный** ~ равани илмӣ; **следственный** ~ равани тафтишотӣ; **социальный** ~ равани иҷтимоӣ; **результат** ~**а** натиҷаи раван; **техника** ~**а** техникаи озмун; **условия** ~**а** шароити озмоиш; **ставить (проводить)** ~ санҷидан, таҷриба карда дидан

экспериментальн||ый, -ая, -ое таҷрибавӣ, санҷишӣ, озмунӣ, озмоишӣ; ~**ые данные** маълумоти озмунӣ; ~**ая медицина** тибби озмунӣ

экспериментатор *м* санҷишгар, озмоишгар

экспериментирование *с* (*по знач. гл.* **экспериментировать**) санҷиш, таҷриба, озмоиш

экспериментировать *несов. над кем-чем, с кем-чем* санҷидан, таҷриба карда дидан, озмудан; ~ **с новым сортом хлопка** хели нави пахтаро санҷидан

эксперт *м* эксперт, мумайиз; **судебный** ~ мумайизи суд

экспертиз||а *ж* 1. санҷиш, озмоиш, тамиз; **врачебная** ~**а** санҷиши тиббӣ 2. ҳайати мумайизон; **бухгалтерская** ~**а** тамизи бухгалтерӣ; **патентная** ~**а** тамизи патентӣ; **техническая** ~**а** тамизи техникӣ; **заключение** ~**ы** ҳукми ҳайати мумайизон

экспертн||ый, -ая, -ое ...и мумайиз, ...и санҷиш, ...и озмоиш; ~**ая комиссия** комиссияи озмоиш; ~**ый совет** шурои мумайизон

экспираторный, -ая, -ое *лингв.* ...и нафасбарорӣ

экспирация *ж лингв.* нафасбарорӣ

эксплантация *ж биол.* эксплантация (*парвариши бофта берун аз организм*)

экспликация *ж* 1. *уст. книжн.* эзоҳ, тавзеҳ, шарҳ 2. (*объяснительный текст*) матни шарҳ (тавзеҳ), эзоҳот

эксплуататор *м* истисморгар

эксплуататорск||ий, -ая, -ое ...и истисморгар; ~**ие классы** синфҳои истисморгар

эксплуатационник *м* истифодабаранда

эксплуатационн||ый, -ая, -ое ...и истифода; ~**ые расходы** хароҷоти истифода; ~**ая надёжность** дараҷаи эътимоди истифода

эксплуатаци||я *ж* 1. истисмор; **подвергать** ~**и кого-л.** касеро истисмор кардан 2. истифода, истифодабарӣ, истифода бурдан(и); ~**я недр** истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; **ввод в** ~**ю** ба кор андохтан(и)

эксплуатирование *с см.* **эксплуатация**

эксплуатировать *несов.* 1. *кого-что* истисмор кардан; ~ **чужой труд** меҳнати дигаронро истисмор кардан 2. *что* истифода бурдан; ~ **шахту** конро истифода бурдан

экспозе 1. таъвили мухтасар 2. изҳороти мухтасар (*одатан дар бораи масъалаҳои давлатӣ, алалхусус масъалаи сиёсати хориҷӣ мухтасар изҳорот додани сарвазир ё вазири корҳои хориҷӣ*)

экспозиметр *м см.* **экспонометр**

экспозиция *ж* 1. *лит.* дебоча 2. *муз.* сарахбор 3. низоми намоиш 4. дараҷаи танвир (*миқдори энергияи равшанӣ, ки дар айни кино ё аксгирӣ ба рӯи навор меафтад*)

экспонат *м* нигора; **музейные** ~**ы** нигораҳои нигористон

экспонент *м* нигоранда

экспонирование *с* (*по знач. гл.* **экспонировать**) нигоридан(и)

экспонировать *сов., несов.* 1. *кого-что* нигоридан, намоиш (нишон) додан; ~ **новую породу овец** зоти нави гуспандро намоиш додан 2. *что фото* танвир кардан

экспонометр *м фото* экспонометр, нурсанҷ

экспорт *м эк.* содирот; ~ **леса** содироти чӯбу тахта; ~ **хлеба** содироти ғалла; **изготовленный на** ~ барои содирот сохташуда; **работать на** ~ барои содирот кор кардан; **товар идёт на** ~ мол ба содирот меравад

экспортёр *м* содиргар; **страна-**~ мамлакати содиргар

экспортировать *сов., несов. кого-что* содирот кардан

экспортируем||ый, -ая, -ое *прич., прил.* содиршаванда; ~**ые товары** молҳои содиршаванда

экспортн||ый, -ая, -ое экспортӣ, ...и содирот; ~**ая база** базаи содирот; ~**ая торговля** савдои содирот; **в** ~**ом исполнении** барои содирот сохташуда

экспре́сс *м* экспресс *(поезд, автобус ва ғ., ки босуръат мегардад)*; ~ **Москва́-Ленингра́д** экспресси Москва-Ленинград; **ехать** ~**ом** бо экспресс рафтан

экспре́сс- *қисми якуми калимаи мураккаб ба маънои «таъҷилӣ»*: ~**-ана́лиз** таҳлили таъҷилӣ; ~**-диа́гноз** ташхиси таъҷилӣ; ~**-ме́тод** усули таъҷилӣ

экспресси́вность *ж* тундӣ, тезӣ, оташинӣ, боғайрат будан(и); ~ **же́стов** тундии имову ишора

экспресси́вн||**ый**, -ая, -ое тунд, тез оташин; ~**ая речь** нутқи оташин

экспрессиони́зм *м иск.* экспрессионизм *(равияест дар санъат ва адабиёти буржуазии аввали асри 20, ки пайравони он ҳар яке ба сари худ иллатҳои ҷамъияти буржуазиро танқид мекарданд, вале дар ҷаҳонбинии онҳо аз хурофоти динӣ сар карда то даъватҳои инқилобӣ маслаку мафкураҳои мухталиф ба ҳам омезиш меёфт)*

экспрессиони́ст *м* экспрессионист, тарафдори экспрессионизм

экспрессиони́стск||**ий**, -ая, -ое экспрессионисти,... и экспрессионизм; ~**ое иску́сство** санъати экспрессионисти

экспре́сси||**я** *ж* тундӣ, тезӣ, оташинӣ; **говори́ть с** ~**ей** бо ҳарорат гап задан

экспре́ссный, -ая, -ое ...и экспресс

экспро́мт *м лит., муз.* бадеҳа

экспро́мтом *нареч.* бадеҳатан; **вы́ступить** ~ бадеҳатан баромад кардан; **спеть** ~ бадеҳатан сурудан

экспроприа́тор *м* мусодир

экспроприа́ция *ж* мусодара; ~ **экспроприа́торов** мусодараи мусодирон

экспроприи́ровать *сов., несов. кого-что* мусодара кардан; ~ **ору́жие** яроқу аслиҳаро мусодара кардан

экста́з *м* ҷунун; ваҷд; **быть в** ~**е** дар ваҷд будан; **впасть в** ~ ҷунун гирифтан

экстати́ческ||**ий**, -ая, -ое ...и ваҷд; ...и ҷунун; ~ **ое состоя́ние** ҳолати ваҷд

экстенси́вность *ж* экстенсивӣ будан(и)

экстенси́вн||**ый**, -ая, -ое (экстенси́в|ен, -на, -но) экстенсивӣ; ~**ый труд** меҳнати экстенсивӣ; ~**ое земледе́лие** зироаткории экстенсивӣ *(хоҷагии қишлоқ, ки танҳо ба воситаи вусъат додани заминҳои кишт, на ба воситаи баланд бардоштани ҳосилнокии замин ҳосилро афзун мекунад)*

экстéрн *м* 1. экстерн *(шахсе, ки мактаб нахонда мустақилан имтиҳонҳои онро месупорад)* 2. *уст.* духтури ғайриштатӣ *(табибе, ки барои таҷрибаомӯзӣ дар ягон касалхона кор мекард)*

экстерна́т *м* экстернат *(мустақилан тайёрӣ дида имтиҳон супоридан)*

экстерриториа́льност||**ь** *ж юр.* масуният *(дахлнопазирии ҳуқуқи намояндагон ва муассисаҳои як давлат дар хоки давлати дигар)*; **пра́во** ~**и** ҳуқуқи масуният

экстерриториа́льный, -ая, -ое (экстерриториа|лен, -льна, -льно) *юр.* масуниятӣ

экстерьéр *м* экстерьер, сиёқ *(намуди беруни ягон ҳайвон)*; ~ **овцы́** сиёқи гӯсфанд

э́кстра *прил. неизм.* аълосифат; **ко́фе** ~ қаҳваи аълосифат

экстравага́нтность *ж* аҷобат, ғалатӣ будан(и); ~ **посту́пка** аҷобати кирдор

экстравага́нтн||**ый**, -ая, -ое (экстравага́нт|ен, -на, -но) аҷобатангез, ғалатӣ; ~**ое поведе́ние** рафтори ғалатӣ

экстраги́рование *с (по знач. гл.* **экстраги́ровать**) кандан(и); кашидан(и), гирифтан(и); ~ **зу́ба** кандани дандон

экстраги́ровать *сов., несов. что* 1. *мед.* кандан, кашидан; ~ **зуб** дандон кандан 2. *хим.* кашидан, [ҷудо карда] гирифтан; ~ **жир из чего́-л.** равғани чизеро кашидан, равғани чизеро [ҷудо карда] гирифтан

экстради́ция *ж юр.* экстрадиция *(ба давлати хориҷа дошта додани шахсе, ки қонуни онро вайрон карда гурехта омадааст)*

экстракла́сс *м* мумтоз; **лётчик** ~**а** лётчики мумтоз

экстра́кт *м* 1. ҷавҳар, шира; **вишнёвый** ~ шираи олуболу 2. *уст.* хулоса; ~ **статьи́** хулосаи мақола

экстракти́вн||**ый**, -ая, -ое ниҳоят фаъол, ниҳоят тез; ~**ые вещества** моддаҳои ниҳоят тез

экстра́ктор *м* 1. ҷавҳарполо; шираполо *(асбобе, ки ҷавҳар ё шираи чизеро ҷудо мекунад)* 2. гильзапарто *(асбоби баровардани гильза аз тирдон)* 3. амбурчаи тиббӣ

экстра́кция *ж см.* **экстраги́рование**

экстраордина́рность *ж* фавқулодда будан(и); ~ **слу́чая** фавқулодда будани ҳодиса

экстраордина́рн||**ый**, -ая, -ое (экстраордина́р|ен, -на, -но) фавқулодда; ~**ое собы́тие** ҳодисаи фавқулодда ◇ ~**ый профе́ссор** *уст.* профессори ғайриштатӣ *(профессоре, ки кафедра надорад)*

экстраполи́рование *с см.* **экстраполя́ция**

экстраполи́ровать *сов., несов. что мат.* имтидод кардан

экстраполя́ция *ж мат.* имтидод

экстрема́льн||**ый**, -ая, -ое ғайриоддӣ; ниҳоӣ; ~**ые усло́вия** шароити ниҳоӣ; ~**ое состоя́ние вещества́** ҳолати ниҳоии модда

экстреми́зм *м* моҷароҷуӣ

экстреми́ст *м* моҷароҷӯ

экстреми́стск||**ий**, -ая, -ое моҷароҷӯёна; ~**ая поли́тика** сиёсати моҷароҷӯёна; ~**ие взгля́ды** ақидаҳои моҷароҷӯёна

э́кстренно *нареч.* таъҷилан

э́кстренность *ж* 1. таъҷилият, таъҷилӣ будан(и); ~ **зада́ния** таъҷилӣ будани супориш 2. фавқулодда будан(и)

э́кстренн||**ый**, -ая, -ое 1. таъҷилӣ; ~**ый отъе́зд** сафари таъҷилӣ; ~**ая по́мощь** ёрии таъҷилӣ 2. фавқулодда; ~**ое заседа́ние** маҷлиси фавқулодда; ~**ый вы́пуск газе́ты** рузномаи нашри таъҷилӣ

эксце́нтрик I *м* 1. ширинкор, шуъбадабоз, масхарабоз; **тала́нтливый** ~ шуъбадабози моҳир 2. шуткарӣ, одами аҷиб

эксце́нтрик II *м тех.* ломарказ *(чархе, ки меҳвари гардиши он на дар марказ, балки дар паҳлу воқеъ аст)*

эксце́нтриковый, -ая, -ое *тех.* ломарказ; ~ **пресс** пресси ломарказ

эксце́сс *м* 1. ифрот, аз ҳад гузаштан(и), суиистеъмол 2. бетартибӣ; **предотврати́ть** ~**ы** бетартибӣ пешгирӣ кардан

экю́ *м нескл. уст.* экю *(тангаи тилло ё нуқраи Франция дар асрҳои 13—18)*

эласти́ческий, -ая, -ое *см.* **эласти́чный**

эласти́чность *ж* 1. эластики, чандирӣ, ёзандагӣ; ~ **рези́ны** ёзандагии резина 2. *перен.* хиромонӣ, мавзунӣ; ~ **похо́дки** мавзунии гашт (гаштан)

эласти́чн||**ый**, -ая, -ое (эласти́ч|ен, -на, -но) 1. эластик, чандир, ёзанда; ~**ая ткань** матои чандир 2. *перен.* хиромон, мавзун; ~**ые движе́ния** ҳаракати мавзун 3. *перен.* ноустувор

элева́тор *м* 1. элеватор *(иморати бузурги механиконидашуда барои ғалланигаҳдорӣ)* 2. *тех.* мошини борбардорӣ

элега́нтно *нареч.* базеб, бosaлиқа; ~ **одева́ться** базеб либос пушидан, либоси хушдухт пӯшидан

элега́нтность *ж* базебӣ

элега́нтн||**ый**, -ая, -ое (элега́нт|ен, -на, -но) босалиқа, базеб, хушдухт; ~**ый челове́к** одами босалиқа; ~**ая о́бувь** пойафзоли базеб

элеги́ческ||**ий**, -ая, -ое 1. *лит.* мағмум, андӯҳгин, ғамгин; ~**ий жанр** жанри мағмум 2. *перен.* ғамангез, хаёлӣ, хаёлотӣ; ~**ое настрое́ние** руҳияи ғамангез

элеги́чный, -ая, -ое *см.* **элеги́ческий** 2

эле́гия *ж* 1. *лит.* элегия *(шеъре, ки мазмунаш фақат ғаму андуҳ аст)* 2. *муз.* муноҷот, навҳа, нола 3. *перен.* ғам, андуҳ, ҳузн, яъс

электриза́ция *ж* 1. *физ.* электризация, электрнок кардан(и) 2. *мед.* электризация *(усулҳои табобат бо қувваи электрик)*

электризова́ть *сов., несов.* 1. *что физ.* электризация кардан, электрнок кардан 2. *кого-что мед.* электризация кардан 3. *кого-что перен.* ташвиқ (таҳрик) кардан, тарғиб кардан

электризова́ться 1. *сов., несов. физ.* электризация шудан, электрнок шудан 2. *несов. страд.* электризация карда шудан

эле́ктрик *м* 1. *см.* **электроте́хник**; 2. коркуни саноати электрик

электри́к *прил. неизм.* ашхабӣ; **шёлк цве́та** ~ шоҳии ашхабӣ

электрифика́ция *ж* электрификация, электриконӣ; ~ **желе́зных доро́г** электриконии роҳи оҳан

электрифици́ровать *сов., несов. что* электрификация кардан, электриконидан; ~ **тра́нспорт** электриконидани нақлиёт

электрифици́роваться 1. *сов., несов.* электриконида шудан 2. *несов. страд.* электронида шудан

электри́ческ||**ий**, -ая, -ое 1. электрики. ...и электрик; ~**ий ток** чараёни электрики; ~**ий звоно́к** занги электри-

кӣ; ~ая дуга́ *физ.* камонаки электрики; ~ое **сопротивле́ние** муковимати электрик; ~ое **освеще́ние** равшании электрикӣ; ~ие **часы́** соати электрикӣ; ~ий **стул** стули электрики *(барои қазои қатл дар ШМА)* 2. электрики; ~ие **о́рганы** *биол.* узвҳои электрики; ~ий **у́горь** *зоол.* мормоҳии электрики

электри́чество *с* электрик, қувваи электрик

электри́чка *ж разг.* поезди электрики

электро= *қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «электрикӣ»*: **электрооборудо́вание** таҷҳизоти электрикӣ; **электропо́езд** поезди электрикӣ

электроаппарату́ра *ж* асбобҳои электрикӣ

электробри́тва *ж* ришгираки электрикӣ

электробу́й *м* каровулаки электрики *(чароғи рангаи электрикӣ барои аз ҷои хатарнок огоҳонидани киштиҳо дар баҳру дарьё)*

электробу́р *м тех.* чоҳпармаи электрики

электроводонагрева́тель *м* обгармкунаки электрики

электрово́з *м* электровоз

электрогита́ра *ж* гитараи электрикӣ

электро́д *м* электрод (1. *ноқиле, ки интиҳои ин ё он занҷири электрики мебошад* 2. *қисми таркибии элементи гальванӣ, ки ба электролит фурӯ дода нашуда барои пайвасти занҷири электрикӣ хизмат мекунад* 3. *ноқилест ба шакли лавҳача ё шабака, ки андаруни лампаи электронӣ ҷой гирифта майдони электрикиро ба вуҷуд меоварад ё ба ҷараёни электрики таъсир мекунад)*

электродви́гатель *м* муҳаррики электрикӣ

электродви́жущ||ий, -ая, -ее *физ.* электрҳаракатдиҳанда; ~ая **си́ла** қувваи электрҳаракатдиҳанда

электродинамика *ж физ.* электродинамика *(соҳаи физика)*

электродинами́ческий, -ая, -ое *физ.* ...и электродинамика, электродинамикӣ

электродинамо́метр *м физ.* электродинамометр *(асбоби лабораторӣ барои чен кардани қувваи электрик)*

электро́дный, -ая, -ое ...и электрод, электродӣ

электродое́ние *с с.-х.* говҷушии электрикӣ

электродо́йльн||ый, -ая, -ое ...и говҷушии электрикӣ; ~ая **маши́на** мошини говҷушии электрикӣ

электроёмкость *ж физ.* гунҷоиши электрик

электрозащи́та *ж* муҳофизати электрикӣ *(яке аз усулҳои муҳофизат кардани металлҳо аз зангзанӣ)*

электроизмери́тельн||ый, -ая, -ое электрсанҷ; ~ые **прибо́ры** асбобҳои электрсанҷ

электроизоляцио́нн||ый, -ая, -ое электроизоляционӣ; ~ые **материа́лы** материалҳои электроизоляционӣ

электрока́бельн||ый, -ая, -ое ...и кабелҳои электрикӣ; ~ые **изде́лия** анвоъи кабелҳои электрикӣ

электрока́р *м* электрокар *(мошини ҳамлу нақли электрикӣ)*

электрокардиогра́мма *ж мед.* электрокардиограмма *(тасвири графикии кори дил)*

электрокардиогра́фия *ж мед.* электрокардиография *(омӯхтани кори дил бо воситаи ба навор сабт кардани импульсҳои электрикӣ)*

электрокипяти́льник *м* чойҷушонаки электрикӣ

электрокофева́рка *ж* қаҳваҷушонаки электрикӣ

электрокофемо́лка *ж* қаҳвакубаки электрикӣ

электрола́мпа *ж* лампаи электрикӣ

электрола́мповый, -ая, -ое ...и лампаи электрикӣ

электролечёбный, -ая, -ое ...и табобати электрикӣ

электролече́ние *с* табобати электрикӣ

электро́лиз *м хим.* электролиз *(ба қисмҳои таркибӣ ҷудошавии моддаҳо бо таъсири қувваи электрик)*

электроли́т *м хим.* электролит *(моддаҳои химиявӣ ва системаҳое, ки дар таркиби онҳо ҷараёни электрикӣ бо воситаи ионҳо интиқол меёбад)*

электролити́ческий, -ая, -ое ...и электролит, электролитӣ

электролюминесце́нция *ж* электролюминесценция *(люминесценция, ки бо таъсири майдони электрик ба амал меояд)*

электромагнети́зм *м физ.* электромагнетизм *(ҳодисаҳои магнитӣ, ки бо таъсири майдони электрик ба амал меоянд)*

электромагни́т *м физ.* электромагнит

электромагни́тный, -ая, -ое электромагнитӣ, ...и электромагнитизм

электромаши́на *ж* мошини электрикӣ

электромашинострое́ние *с* мошинсозии электрикӣ

электрометаллурги́ческий, -ая, -ое ...и электрометаллургия, электрометаллургӣ

электрометаллу́ргия *ж* электрометаллургия

электро́метр *м физ.* электрометр *(асбоби лабораторӣ барои чен кардани шиддати электрик)*

электроме́трия *ж* электрометрия *(усули чен кардани ҳодисаҳои электрикӣ)*

электромеха́ник *м* электромеханик, мутахассиси электромеханика

электромеха́ника *ж* электромеханика *(соҳаи электротехника, ки бо сохтан ва истифода бурдани муҳаррик ва мошинҳои электрикӣ машғул мебошад)*

электромехани́ческ||ий, -ая, -ое электромеханикӣ, ...и электромеханика; ~ие **мастерски́е** корхонаҳои электромеханики

электромоби́ль *м* электромобиль *(автомобиле, ки ба воситаи қувваи электрикӣ мегардад)*

электромонта́ж *м* электромонтаж *(васли таҷҳизоти электрики)*

электромонтёр *м* электромонтёр

электромото́р *м* электромотор, мотори электрикӣ, муҳаррики электрикӣ

электромясору́бка *ж* гӯшткимакунаки электрикӣ

электро́н *м физ.* электрон (1. *зарраи собити элементарӣ* 2. *уст. хӯлаи алюминий бо магний* 3. *каҳрабо; хӯлаи тилло бо нуқра)*

электронагрева́тель *м* гармкунаки электрикӣ

электронагрева́тельн||ый, -ая, -ое ...и гармкунии электрикӣ; ~ые **прибо́ры** асбобҳои гармкунии электрикӣ

электро́ника *ж* электроника *(соҳаи илм ва техника аст, ки тадқиқ ва истифодаи ҳодисаҳои электронӣ ва иониро дар бар мегирад)*; **ква́нтовая** ~ электроникаи кванти; **промы́шленная** ~ электроникаи саноатӣ

электро́нно-вычисли́тельн||ый, -ая, -ое электронии ҳисобӣ; ~ые **маши́ны** ҳисобмошинҳои электронӣ

электро́нно-лучев||о́й, -ая, -о́е электронии шуой; ~о́й **венти́ль** музаммили электронии шуой; ~о́й **коммута́тор** коммутатори электронии шуой; ~ая **тру́бка телеви́зора** найчаи электронии шуой дар телевизор

электро́нно-светово́й, -а́я, -о́е электронии мунаввар; ~ **информа́тор** лавҳаи ахбори электронии мунаввар

электро́нно-физи́ческ||ий, -ая, -ое электронии физикӣ; ~ая **аппарату́ра** асбобҳои электронии физикӣ

электро́нн||ый, -ая, -ое ...и электрон, электронӣ; ~ая **ла́мпа** *радио* лампаи электронӣ; ~ая **па́мять** ҳофизаи электронӣ; ~ый **микроско́п** микроскопи электронӣ; ~ая **промы́шленность** саноати электронӣ; **бытова́я** ~ая **аппарату́ра** асбобҳои электронии рӯзгор; ~ая **те́хника** техникаи электронӣ

электрооборудо́вание *с* таҷҳизоти (асбобу анҷоми) электрикӣ

электропереда́ч||а *ж* 1. нақли (интиқоли) электрик; ~а **постоя́нного то́ка** интиқоли ҷараёни доимии электрикӣ; ~а **переме́нного то́ка** интиқоли ҷараёни тағйирьёбандаи электрик; ~и **сверхвысо́кого кла́сса напряже́ния** интиқоли шиддатҳои дараҷаашон фавқулбаланд 2. иншооти нақли электрик

электропе́чь *ж* электрокура, кураи электрикӣ

электропила́ *ж* арраи электрикӣ

электропла́вка *ж тех.* гудозиши электрикӣ

электроплита́ *ж* плитаи электрикӣ

электропли́тка *ж* плиткаи электрикӣ

электропо́езд *м* поезди электрикӣ

электрополотёр *м* фаршшӯяки электрикӣ

электроприво́д *м* ҳаракатоварии электрикӣ

электропро́вод *м* сими электрик

электропрово́дность *ж физ.* электргузаронандагӣ, ноқилияти электрикӣ

электропрово́дный, -ая, -ое (электропровод|ен, -на, -но) электргузаронанда

электропромы́шленность *ж* саноати электрик *(истеҳсолоти мошин ва таҷҳизоти электрикӣ)*

электропылесо́с *м* чангкашаки (гардкашаки) электрики

электросва́рка *ж* кафшери электрикӣ

электросва́рщик *м* электрокафшерчӣ

электросе́т||ь *ж* шабакаи (хатҳои) электрикӣ; **ремо́нт ~и** таъмири шабакаи (хатҳои) электрикӣ

электросилов||о́й, -а́я, -о́е ...и қувваи электрикӣ; **~а́я ста́нция** станцияи қувваи электрикӣ

электроско́п *м физ.* электроскоп (*асбоб барои маълум кардани мавҷудияти заряди электрикӣ*)

электроснабже́ние *с* таъминоти электрикӣ

электроста́ль *ж* пулоди электрикӣ (*пӯлоди олисифате, ки дар кураи электрикӣ гудохта мешавад*)

электроста́нция *ж* станцияи электрикӣ, электростанция; **а́томная ~** станцияи электрикии атомӣ

электроста́тика *ж физ.* электростатика (*соҳаи физика, ки хосиятҳои зарядҳои сокити электрикиро меомӯзад*)

электростати́ческий, -ая, -ое *физ.* электростатикӣ, ...и электростатика

электросчётчик *м* ҳисобкунаки электрикӣ

электротерапи́я *ж см.* **электролече́ние**

электротерми́ческ||ий, -ая, -ое ...и электротермия, электротермикӣ; **~ая обрабо́тка мета́ллов** коркарди электротермикии фулузот

электротерми́я *ж тех.* электротермия (*гармидиҳӣ бо ҷараёни электрикӣ*)

электроте́хник *м* электротехник, мутахассиси электротехника

электроте́хника *ж* электротехника (*1. илмест дар бораи процессу ҳодисаҳое, ки бо истифодаи амалии ҷараёни электрикӣ алоқаманд мебошад 2. як соҳаи техника, ки ин процессҳоро дар саноат, тиб, кори ҳарбӣ ва ғ. истифода мебарад*)

электротехни́ческий, -ая, -ое электротехникӣ, ...и электротехника; **~ институ́т** институти электротехникӣ

электротра́вма *ж* садамаи (латмаи) электрикӣ

электротра́ктор *м с.-х.* трактори электрикӣ

электротра́нспорт *м* нақлиёти электрикӣ

электрофи́зика *ж* электрофизика

электрофизиоло́гия *ж* электрофизиология (*соҳаи физиология*)

электрофо́р *м физ.* электрофор (*асбоб барои ҳосил кардани зарядҳои ками электрикӣ*)

электрохими́ческий, -ая, -ое электрохимиявӣ, ...и электрохимия

электрохи́мия *ж* электрохимия (*соҳаи химияи физикӣ аст, ки процессҳои муовизаи энергияи электрикӣ ва химиявиро меомӯзад*)

электрохо́д *м* электроход

электроэне́рги||я *ж* энергияи (қувваи) электрикӣ; **произво́дство ~и** истеҳсоли энергияи электрикӣ; **поста́вка ~и** таъминкунӣ бо энергия

элеме́нт *м* 1. *филос.* киёно, аносири арбаа 2. *книжн.* муқаддима; **~ы матема́тики** муқаддимаи математика 3. *хим.* элемент; **хими́ческий ~** элементи химиявӣ 4. таркиб, таркибот, ҷузъ, ҷузъиёт; қисм; **~ маши́ны** қисми мошин; **сбо́рные строи́тельные ~ы** маснуоти васлшавандаи бинокорӣ 5. тоифа, қавм, гуруҳ; **деклассиро́ванные ~ы** тоифаи муртадҳо 6. одам, шахс, фард; **подозри́тельный ~** одами шубҳанок ◇ **же́нский ~** *уст.* занҳо; **мужско́й ~** *уст.* мардҳо

элемента́рность *ж* 1. соддагӣ; оддӣ будан(и); сатҳӣ (руякӣ) будан(и); **~ изложе́ния** оддӣ будани баёнот; **~ взгля́дов** соддагии нуқтаи назар 2. фаҳмоӣ, равшанӣ

